# ТАФСИРИ ИНҶИЛ

Вилям Макдоналд

Оригинал ба англисӣ: BBC – Believer's Bible Commentary – New Testament
© 1989 by William Macdonald

Нашри тоҷикӣ:
© 2019 Missionswerk Friedensstimme,
Gimborner Str. 20, 51709 Marienheide
www.friedensstimme.com

ISBN 978-3-88503-498-8

Ин китоб барои фурӯш нест.

# МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ ........ 5
АЗ НОШИР ........ 6
ИХТИСОРҲО ........ 8
МУҚАДДИМА БА АҲДИ НАВ ........ 10
МУҚАДДИМА БА ИНҶИЛҲО ........ 13
ИНҶИЛИ МАТТО ........ 17
*ПОДШОҲИИ ОСМОН* ........ 25
*ХУШХАБАР* ........ 32
*МУНОСИБАТИ ИМОНДОР БА ШАРИАТ* ........ 35
*ТАЛОҚ ВА ОИЛАДОРШАВИИ ДУБОРА* ........ 38
*РӮЗА* ........ 43
*ШАНБЕ* ........ 68
ИНҶИЛИ МАРҚУС ........ 143
ИНҶИЛИ ЛУҚО ........ 201
ИНҶИЛИ ЮҲАННО ........ 306
АМАЛҲОИ РАСУЛОН ........ 424
*ДУО ДАР КИТОБИ АЪМОЛ* ........ 431
*ҶАМОАТИ ХОНАГӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ МАСЕҲӢ* ........ 441
*МАСЕҲӢ ВА ҲУКУМАТ* ........ 452
*ҚАЙДҲО ОИД БА ТАЪМИДИ МАСЕҲӢ* ........ 461
*ХИЗМАТГУЗОРИИ АЪЗОЁНИ ҚАТОРИИ ҶАМОАТ* ........ 463
*МУХТОРИЯТИ ҶАМОАТИ МАҲАЛЛӢ* ........ 486
*РОҲНАМОИИ ИЛОҲӢ* ........ 488
*МУЪҶИЗАҲО* ........ 490
*МИНБАРҲОИ ҒАЙРИОДӢ* ........ 495
*КИТОБИ АЪМОЛ ЧИРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД* ........ 522
НОМАИ ЯЪҚУБ ........ 530
*ДАҲ ФАРМУДА* ........ 542
*ШИФОЁБӢ АЗ ХУДО* ........ 559
НОМАИ ЯКУМИ ПЕТРУС ........ 565
*ЛИБОСИ МАСЕҲИЁНА* ........ 587
*ТАЪМИД* ........ 593
НОМАИ ДУЮМИ ПЕТРУС ........ 606
НОМАИ ЯКУМИ ЮҲАННО ........ 629
*ГУНОҲЕ КИ АНҶОМАШ МАРГ АСТ* ........ 648
НОМАИ ДУЮМИ ЮҲАННО ........ 651
НОМАИ СЕЮМИ ЮҲАННО ........ 655
НОМАИ ЯҲУДО ........ 659
НОМА БА РУМИЁН ........ 671

*БУТПАРАСТОНЕ КИ ХУШХАБАРРО НАШУНИДААНД* ........ 679
*ГУФТУГӮ ОИД БА ГУНОҲ* ........ 687
*ТАЪЙИНОТИ ПЕШАКИИ ХУДО ВА МАСЪУЛИЯТИ ОДАМ* ........ 716
НОМАИ ЯКУМ БА ҚУРИНТИЁН ........ 751
НОМАИ ДУЮМ БА ҚУРИНТИЁН ........ 827
НОМА БА ҒАЛОТИЁН ........ 888
*ШАРИАТПАРАСТӢ* ........ 916
НОМА БА ЭФЕСУСИЁН ........ 920
*ИНТИХОБИ ХУДО* ........ 925
НОМА БА ФИЛИППИЁН ........ 978
НОМА БА КУЛАССИЁН ........ 1009
*ОШТӢ* ........ 1020
*ОИЛАИ МАСЕҲӢ* ........ 1040
НОМАИ ЯКУМ БА ТАСОЛУНИКИЁН ........ 1049
*ОМАДАНИ ХУДОВАНД* ........ 1059
*НИШОНАҲОИ ОХИРЗАМОН* ........ 1069
*ТАҚДИС* ........ 1075
НОМАИ ДУЮМ БА ТАСОЛУНИКИЁН ........ 1079
*БОЛОШАВИИ ҶАМОАТ ВА ЗОҲИРШАВИИ МАСЕҲ* ........ 1082
*БОЛОШАВИИ ҶАМОАТ* ........ 1092
НОМАҲОИ ШУБОНӢ ........ 1102
НОМАИ ЯКУМ БА ТИМОТИЮС ........ 1106
НОМАИ ДУЮМ БА ТИМОТИЮС ........ 1141
НОМА БА ТИТУС ........ 1165
*ПИРОНИ ҶАМОАТ* ........ 1168
*МАСЕҲӢ ВА ҶАҲОН* ........ 1177
НОМА БА ФИЛЕМӮН ........ 1182
НОМА БА ИБРИЁН ........ 1189
*МУРТАДӢ* ........ 1210
*ПАЁМИ НОМА БА ИБРИЁН БАРОИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА* ........ 1249
ВАҲЙИ ИСОИ МАСЕҲ ........ 1253

# ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

Мақсади китоби «Тафсири Навиштаи Муқаддас барои масеҳиён» – ба масеҳии одӣ дар сар кардани омӯзиши ҷиддии Каломи Худо ёрӣ додан аст. Аммо бояд дар ёд дошт, ки ҳеҷ як китоби тафсир наметавонад Навиштаи Муқаддасро иваз кунад. Беҳтарин коре ки ин гуна нашрияҳо карда метавонанд, ба таври осонфаҳм баён намудани мафҳумҳои умумӣ ва ба омӯзиши минбаъдаи Навиштаи Муқаддас роҳнамун сохтани хонанда аст.

Тафсир бо забони содаву оммафаҳм навишта шудааст. Он даъвои тадқиқоти илмӣ ё амиқи илоҳиётшиносиро надорад. Бисёр масеҳиён забонҳои нусхаҳои аслии Аҳдҳои Қадим ва Навро намедонанд, аммо ин онҳоро аз манфиати амалии Калом дур намекунад. Ман боварӣ дорам, ки ба шарофати омӯзиши бонизоми Навиштаҳо ҳар як масеҳӣ «коркуне [мегардад] ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст таълим медиҳад» (2Тим. 2,15).

Тафсир бо кӯтоҳбаёнӣ, возеҳӣ ва самтнокӣ фарқ мекунад. Барои гирифтани ёрӣ дар фаҳмидани ин ё он порча хонандаро лозим намеояд, ки саҳифаҳои дарози эзоҳотро паси сар кунад. Суръати зиндагии ҳозира талаб мекунад, ки ҳақиқат дар шакли маводи маълумотӣ баён карда шавад.

Мақолаҳои тафсир ҷойҳои душворфаҳми Навиштаҳоро сарфи назар намекунанд. Дар бисёр мавридҳо эзоҳоти гуногун оварда мешаванд, ва хонанда метавонад қарор диҳад, ки кадоми онҳо ба қаринаи матн ва умуман ба Навишта бештар мувофиқат мекунад. Навиштаи Муқаддасро донистан кофӣ нест. Каломро дар амалияи ҳаёт истифода бурдан лозим аст. Бинобар ин тафсир мекӯшад машварат диҳад, ки чӣ гуна Навиштаи Муқаддас метавонад дар ҳаёти марди Худо амалӣ гардад.

Агар ин китоб аз Навиштаи Муқаддас ҷудо истифода шавад, он ба ҷои ёрӣ дом шуда метавонад; аммо агар он хонандаро ба хондани Навиштаи Муқаддас ҳавасманд намуда, водор кунад, ки ба фармудаҳои Худо итоат намояд, пас он ба мақсадаш расидааст.

Бигзор Рӯҳулқудс, ки нависандагони Навиштаи Муқаддасро фаро мегирифт, роҳи хонандаро сӯи мақсади муъҷизаосо – дарки Худо ба воситаи Каломи Ӯ – равшан намояд.

# АЗ НОШИР

«Аз тафсирҳо нафрат накунед». Маслиҳати муаллими Навиштаи Муқаддас ба донишҷӯёни мактаби инҷилии «Аммоус» (акнун донишгоҳ) дар охири солҳои 50-ум чунин буд. Дар ҳадди ақалл як донишҷӯ ин суханонро дар давоми се даҳсола ба ёд дошт. Муаллим Вилям Макдоналд, муаллифи «Тафсири Навиштаи Муқаддас барои масеҳиён»* буд. Нашири ин китоб, Артур Фарстад, он вақт дар курси якум таҳсил мекард ва дар давоми ҳаёташ фақат як китоби тафсирро хонда буд – «Ба сӯи осмонҳо» (дар бораи Нома ба Эфесусиён), ки муаллифаш Ҳаррӣ Айэнсайд аст. Артур Фарстад, ки ҳанӯз навҷавон буд, боре дар фасли тобистон ин китобро ҳар бегоҳ хонда, фаҳмид, ки тафсир чист.

### Тафсир чист

Дар ҳақиқат, тафсир чист ва чаро набояд аз он нафрат кард? Ба қарибӣ як нашири машҳури масеҳӣ типологияи нашриёҳои масеҳиро тартиб дод, ки ба он понздаҳ типи китобҳо дохил шудаанд. Боиси ҳайрат нест, ки баъзеҳо фарқи тафсирро аз Навиштаи Муқаддас барои омӯзиши амиқ ва ё ҳатто аз симфония (оятёб), атлас ё луғати Навиштаи Муқаддас намедонанд.

Тафсир *тавзеҳ* медиҳад ва ё қайдҳое мекунад, ки барои фаҳмидани матн (умедворем) ёрӣ медиҳанд – оят ба оят ва ё банд ба банд. Баъзе масеҳиён тафсирро масхара мекунанд ва мегӯянд: «Ман мехоҳам фақат эзоҳоти шифоҳиро шунавам ва фақат Навиштаи Муқаддасро хонам!» Диндорона садо медиҳад, аммо дар асл ин тавр нест. Тафсир беҳтарин (ва *душвортарин!*) эзоҳоти матни Навиштаи Муқаддасро дар шакли хаттӣ пешкаш карда, оят ба оят меомӯзад ва Каломи Худоро мавъиза мекунад. Баъзе тафсирҳо (ба монанди тафсири Айэнсайд) қариб баёни ҳарф ба ҳарфи мавъизаҳо дар шакли хаттӣ мебошанд. Зиёда аз ин, тадқиқотҳои бузургтарини Навиштаи Муқаддас ба забони англисӣ дастрас мебошанд. Мутаассифона, бисёрии онҳо чунон калонҳаҷм, кӯҳнашуда ва душворфаҳм мебошанд, ки шасти масеҳии одиро мегардонанд. Бинобар ин мо ин тафсири Навиштаи Муқаддасро нашр мекунем.

### Намудҳои тафсирҳо

Ба таври назариявӣ ҳар як шахсе ки ба Навиштаи Муқаддас мароқ зоҳир мекунад, тафсир навишта метавонад. Бинобар ин тафсирҳо аз либералии ифротӣ (беҳад озодфикрона) то муҳофизакоронаи сахт ва ҳамаи тобишҳои байни онҳо вуҷуд доранд. ТНМ хеле муҳофизакорона аст ва Навиштаи Муқаддасро чун Каломи бехатои Худо аз назар мегузаронад, ки дорои илҳоми илоҳӣ буда, барои имон овардан ва дар ҳаёт истифода бурдан комилан кофист.

Тафсирҳо намудҳои гуногун доранд – аз асарҳои комилан илмӣ (ки ҷузъитарин тафсилоти синтаксиси забони юнонӣ ё ибриро аз назар мегузаронанд) то қайдҳои мухтасар. ТНМ тақрибан дар мобайни ин қатор ҷойгир аст. Ҳамаи тафсилоти даркорӣ аксаран дар тавзеҳот аз назар гузаронида мешаванд, аммо тадқиқи ҷиддии ҷузъиёт бе сарфи назар кардани ҷойҳои душворфаҳм ва бо маслиҳатҳои боисрор оид ба истифодаи онҳо дода мешавад. Китоби Макдоналд бо *ғановати баён* фарқ мекунад. Мақсади он ба воя расондан ва такмил додани на фақат пайравони равияҳои гуногуни масеҳӣ, балки *шогирдони* Масеҳ мебошад.

Ба ғайр аз ин, тафсирҳо мавқеъҳои гуногуни илоҳиётшиносиро ҷонибдорӣ мекунанд – муҳофизакорона ё озодфикрона, протестантӣ ё румӣ-католикӣ[1], премилленарӣ[2] ё постмилленарӣ[3]. ТНМ тафсири илоҳиёти муҳофизакорона, протестантӣ ва премилленарӣ аст.

### Ин китобро чӣ гуна бояд истифода бурд

Якчанд воситаҳои истифодаи ТНМ ҳастанд. Мо инҳоро пешниҳод мекунем:

*Аз назар гузарондан* – Агар хондани Навиштаи Муқаддас ба шумо маъқул бошад ва онро дӯст медошта бошед, пас барои ҳис кардани хусусияти тамоми китоб онро варақ зада, лаҳзаҳо ва порчаҳои алоҳидаро хонда, ҳаловат хоҳед бурд.

* дар оянда ТНМ

*Банди муайян* – оид ба ояте ва ё порчае ки барои фаҳмидани он ёрӣ даркор мешавад, саволе пайдо шуда метавонад. Онро дар ҷои даркории матн ёбед, ва шумо ҳатман маводи хуб ба даст меоваред.

*Таълимот* – агар шумо бо омӯзиши рӯзи шанбе, таъмид, интихоби пешакӣ ё Ваҳдати Сегона машғул бошед, ба фаслҳое ки ин мафҳумҳоро аз назар мегузаронанд, муроҷиат кунед. Дар муҳтаво барои бисёрии ин мавзуъҳо номгӯи эссеҳо, ё руҷуъҳо дода шудааст. Барои муайян кардани калимаи асосӣ аз симфония истифода баред, то бидонед, ки кадоме аз 37 руҷуъ ба мавзуи шумо мувофиқ меояд.

*Як китоби Навиштаи Муқаддас* – фарз мекунем, ки гурӯҳи шумо дар мактаби якшанбегӣ ё тамоми ҷамоат яке аз китобҳои Аҳди Навро меомӯзад. Агар ҳар ҳафта оид ба он ҷои Навишта, ки бояд омӯзед, хонед, шумо дониши худро хеле афзун мегардонед (ва маводе ба даст меоваред, ки ҳангоми муҳокима ба дигарон расонда метавонед).

(Албатта, агар роҳбари гурӯҳ низ ТНМ-ро чун китоби дарсӣ истифода барад, пас шумо шояд мехоҳед тафсири дигареро истифода баред!)

*Тамоми китоб* – бо мурури замон ҳар як масеҳиро лозим аст, ки *Навиштаи Муқаддасро* пурра хонад. Дар он ҷойҳои душворфаҳм ҳастанд, ва ТНМ барин китоби эҳтиёткорона, муҳофизакорона дониши шуморо амиқтар мегардонад.

Аз ҷиҳати ҳаловате ки ба даст меоваред, омӯзиши Навиштаи Муқаддас метавонад аз дараҷаи «шавлаи арзан – судманд, аммо бемаза» сар шавад, аммо бо мурури замон ба «торти шоколадӣ» табдил меёбад!

Сӣ сол пеш ҷаноби Макдоналд ба ман маслиҳат дод: «Аз тафсирҳо нафрат накунед». Тафсири ӯро ба Аҳди Нав бо диққат омӯхта ва онро нисбати матни Навиштаи Муқаддаси шоҳ Яъқуб истифода бурда, ман қадами навбатӣ гузошта метавонам. Маслиҳати ман чунин аст: «Аз хондани ин китоб ҳаловат баред!»

# Тавзеҳот

1. Калисои румӣ-католикӣ ва ҷамоати протестантӣ ду равияи асосии масеҳият мебошанд. Ҷамоати протестантӣ дар давраи реформатсия (ислоҳот) аз калисои румӣ-католикӣ ҷудо шуда, пайдо шудааст.
2. Премилленаризм – таълимот оид ба он, ки Ҷамоат пеш аз саршавии Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ ба осмон бурда мешавад (пре – пеш; миллениум – Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ)
3. Постмилленаризм – таълимот оид ба он, ки Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ аллакай дар давраи ҳозираи Ҷамоат ба амал омадааст ва имондорон пас аз ин давра ба осмон бурда мешаванд (пост – пас; миллениум – Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ)

# ИХТИСОРҲО

## НОМҲОИ ИХТИСОРШУДАИ КИТОБҲОИ НАВИШТАИ МУҚАДДАС

## АҲДИ ҚАДИМ

| | |
|---|---|
| Пайд. | – Пайдоиш |
| Хур. | – Хуруҷ |
| Иб. | – Ибодат |
| Ад. | – Ададҳо |
| Так. Шар. | – Такрори Шариат |
| Юш. | – Юшаъ |
| Дов. | – Доварон |
| Рут | – Рут |
| 1Сам. | – 1Самуил |
| 2Сам. | – 2Самуил |
| 1Подш. | – 1Подшоҳон |
| 2Подш. | – 2Подшоҳон |
| 1Вақ. | – 1Вақоеъномa |
| 2Вақ. | – 2Вақоеъномa |
| Эзр. | – Эзро |
| Наҳ. | – Наҳемё |
| Эст. | – Эстер |
| Айюб | – Айюб |
| Заб. | – Забур |
| Мас. | – Масалҳо |
| Воиз | – Воиз |
| Сур. Сур. | – Суруди Сурудҳо |
| Иш. | – Ишаъё |
| Ирм. | – Ирмиё |
| Нав. | – Навҳаҳои Ирмиё |
| Ҳиз. | – Ҳизқиёл |
| Дон. | – Дониёл |
| Ҳуш. | – Ҳушаъ |
| Юил | – Юил |
| Ом. | – Омӯс |
| Уб. | – Убадё |
| Юн. | – Юнус |
| Мик. | – Мико |
| Наҳум | – Наҳум |
| Ҳаб. | – Ҳабаққуқ |
| Саф. | – Сафанё |
| Ҳаҷ. | – Ҳаҷҷай |
| Зак. | – Закарё |
| Мал. | – Малокӣ |

## АҲДИ НАВ

| | |
|---|---|
| Мат. | – Инҷили Матто |
| Марқ. | – Инҷили Марқус |
| Луқ. | – Инҷили Луқо |
| Юҳ. | – Инҷили Юҳанно |
| Ам. | – Амалҳо |
| Яъқ. | – Яъқуб |
| 1Пет. | – 1Петрус |
| 2Пет. | – 2Петрус |
| 1Юҳ. | – 1Юҳанно |
| 2Юҳ. | – 2Юҳанно |
| 3Юҳ. | – 3Юҳанно |
| Яҳ. | – Яҳудо |
| Рум. | – Румиён |
| 1Қур. | – 1Қуринтиён |
| 2Қур. | – 2Қуринтиён |
| Ғал. | – Ғалотиён |
| Эфс. | – Эфесусиён |
| Фил. | – Филиппиён |
| Кул. | – Куласситён |
| 1Тас. | – 1Тасолуникиён |
| 2Тас. | – 2Тасолуникиён |
| 1Тим. | – 1Тимотиюс |
| 2Тим. | – 2Тимотиюс |
| Тит. | – Титус |
| Филем. | – Филемӯн |
| Ибр. | – Ибриён |
| Ваҳй | – Ваҳй |

# ИХТИСОРҲОИ ДИГАР

| | | | |
|---|---|---|---|
| б. | – боб(-и) | ҷ. | – ҷилд |
| ибр. | – ибронӣ/ ибрӣ | о. | – оят(-и) |
| мас. | – масалан | АҚ | – Аҳди Қадим |
| муқ. | – муқоиса кунед | АН | – Аҳди Нав |
| НА | – нусхаи матни юнонии Инҷил «Нестле-Аланд» | саҳ. | – саҳифа |
| | | с. | – сол(-и) |
| тақр. | – тақрибан | ниг. | – нигаред |
| юн. | – юнонӣ | КМ | – Китоби Муқаддас |

# МУҚАДДИМА БА АҲДИ НАВ

*Арзишнокии таърихӣ ва рӯҳонии ин қисми Навишта ба ҳаҷм вобаста нест, зеро таъсири он ба ҳаёт ва таърих беандоза зиёд аст. Он субҳи рӯзеро тасвир мекунад, ки ғурубаш дар Адан сар шуда буд. Масеҳ аз пешгӯиҳои Аҳди Қадим дар Инҷилҳо Шахсияти таърихӣ, дар номаҳо намунаи таҷрибаи рӯҳонӣ ва дар Ваҳйи дар ҷалол болобардоршуда мегардад.*

У. Греҳем Скроггӣ

## I. НОМИ «АҲДИ НАВ»

Пеш аз он ки дар баҳри амиқи омӯзиши Аҳди Нав (АН) ва ё омӯзиши нисбатан хурди китоби муайяне ғӯтавар шавем, мухтасаран таъкид намудани баъзе фактҳо оид ба Китоби Муқаддас, ки «Аҳди Нав» ном дорад, судманд мебуд.

Калимаҳои «аҳд», «паймон» ва «созишнома» тарҷумаи ҳамон як калимаи юнонии «диатеке» мебошанд, ва ҳангоми ба забони ибрӣ хондани як ё ду ҷои Навишта гуфтан душвор аст, ки кадоме аз тарҷумаҳо дурусттар аст. Дар сарлавҳаи Навиштаи масеҳиён яқинан калимаи «аҳд» ва «созишнома» афзалиятнок аст, зеро китоб созишнома, алянс ва ё *паймони* Худоро бо халқи Худ эълон менамояд.

Бар акси Аҳди (ё Созишномаи) Қадим, ин китоб Аҳди Нав номида мешавад.

Ҳар ду Аҳд бо илҳоми илоҳӣ навишта шудаанд ва аз ҳамин сабаб барои ҳамаи масеҳиён судманд мебошанд. Аммо, албатта, одаме ки ба Масеҳ имон дорад, аксаран ба он қисми Навиштаи Муқаддас муроҷиат мекунад, ки ба таври махсус оид ба Худованд, ҷамоати Ӯ ва оид ба он ки Ӯ аз шогирдонаш чӣ гуна ҳаётро интизор аст, нақл мекунад.

Августин алоқамандии Аҳдҳои Қадим ва Навро хеле хуб ифода намудааст:

«Аҳди Нав дар Аҳди Қадим нуҳуфтааст; Аҳди Қадим дар Аҳди Нав ошкор мегардад».

## II. ҚОНУНИ ШАРЪИИ АҲДИ НАВ

Маънои калимаи «қонун» (юн. *kanon)* «қоида» аст (ки мувофиқи он чизеро чен мекунанд ва ё баҳо медиҳанд). Қонуни шаръии Аҳди Нав аз маҷмуи китобҳои бо илҳоми илоҳӣ навишташуда иборат аст. Чӣ гуна мо дониста метавонем, ки фақат ин китобҳо бояд ба қонуни шаръӣ дохил шаванд ва ё ҳар кадоме аз 27 китоби Аҳди Нав бояд шомили он бошанд? Агар, аз замони куҳан сар карда, дигар номаҳо ва китобҳои масеҳӣ (ва бидъаткорона низ) вуҷуд дошта бошанд, чӣ гуна мо боварӣ дошта метавонем, ки маҳз ҳамин китобҳо ҳақиқӣ мебошанд?

Бисёр вақт факте зикр мешавад, ки анҷумани ҷамоат дар охири соли 300-уми милодӣ рӯйхати қонуниро тартиб додааст. Дар асл ин китобҳо дарҳол пас аз навишта шудан *қонунӣ* буданд. Шогирдон, мардони Худо, ки Ӯ ба онҳо фаросат ато намуда буд, аз худи аввал Навиштаро бо илҳоми илоҳӣ навишташуда эътироф намуданд, чунон ки Петрус номаҳои Павлусро (2Пет. 3,15-16). Бо вуҷуди ин дар баъзе ҷамоатҳо оид ба баъзе китобҳо (мас. номаи Яҳудо, 2 ва 3 Юҳанно) муддате баҳсу мунозираҳо буданд.

Одатан агар китобро расуле аз қабили Матто, Петрус, Юҳанно, Павлус ва ё ягон касе аз доираи расулон – Марқус, Луқо – навишта бошад, оид ба қонунияти он шубҳае пайдо намешуд.

Анҷумани ҷамоат, ки қонуни шаръиро расман эътироф намуд, дар асл он чиро, ки кайҳо қабул шуда буд, фақат *тасдиқ намуд*. Анҷумани ҷамоат на *рӯйхати* илҳоми илоҳӣ доштаи китобҳо, балки рӯйхати *китобҳои* дорои илҳоми илоҳиро тартиб дод.

## III. МУАЛЛИФӢ

Муаллифи қуддуси Аҳди Нав Рӯҳулқудс аст. Он Матто, Марқус, Луқо, Юҳанно, Павлус, Яъқуб, Петрус, Яҳудо ва муаллифи номаълуми Нома ба Ибриёнро (ниг. «Муқаддима» ба Нома ба Ибриён) ба навиштан илҳом бахшид.

Роҳи беҳтарин ва дурусттарини фаҳмидани тарзи ба миён омадани китобҳои Аҳди Нав «муаллифии дутарафа» аст. Аҳди Нав на китоби қисман одамӣ ва қисман илоҳӣ, балки пурра одамӣ ва дар айни замон пурра илоҳист. Муаллифи Илоҳӣ муаллиф-инсонро аз ягон хел хато ё ноаниқӣ эмин медошт. Натиҷааш – китобҳои бехатои дастнависҳои аслӣ мебошанд.

Агар ба моҳияти Каломи Зинда – Худованди мо Исои Масеҳ муроҷиат намоем, фаҳмидани моҳияти Каломи навишташуда осонтар мешавад. Ӯ на қисман инсон ва қисман Худо (чун персонажҳои асотири юнонӣ), балки дар як вақт пурра инсон ва пурра Худост. Илоҳият содир намудани ягон гуноҳеро барои моҳияти инсонии Ӯ номумкин мегардонад.

## IV. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Бар хилофи Аҳди Қадим, ки дар давоми қариб ҳазор сол навишта шуда буд (1400 – 400 то милод), Аҳди Нав ҳамагӣ дар муддати ним аср навишта шуд (50 – 100 милодӣ).

Тартиби мавҷудаи китобҳои Аҳди Нав барои ҷамоати тамоми давраҳо ба таври беҳтарин мувофиқ меояд. Аҳди Нав аз тасвири зиндагии Масеҳ сар мешавад, сипас оид ба Ҷамоат нақл мекунад ва дар охир ояндаи Ҷамоат ва ҷаҳонро ошкор мекунад. Бо вуҷуди ин, китобҳо на бо тартиби навишта шудан ҷой гирифтаанд. Онҳо дар робита бо эҳтиёҷи ба миён омада навишта мешуданд.

Китобҳои аввалин «номаҳо ба ҷамоатҳои навбунёд» буданд, чунон ки Филлипс менависад. Дар миёнаи асри якуми масеҳият, аз афти кор, аввал номаҳои Яъқуб ба Ғалотиён ва Таслуникиён навишта шуда буданд.

Сипас аз рӯи вақти навишта шудан Инҷилҳо меоянд: аввал Инҷили Матто ё Марқус, сипас Инҷили Луқо ва ниҳоят Инҷили Юҳанно. Дар охир Ваҳй навишта шуда буд, шояд дар охири асри якуми милодӣ.

## V. МУНДАРИҶА

Мундариҷаи Аҳди Навро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

*Китобҳои таърихӣ:*
Инҷилҳо,
Аъмол
*Номаҳо:*
Номаҳои Павлус,
Номаҳои умумӣ
*Пешгӯикунанда:*
Ваҳй

Масеҳиёне ки ин китобҳоро хуб аз худ кардаанд, «ба ҳар амали нек тайёр» мебошанд. Мо оид ба он дуо мекунем, ки ТНМ ба бисёр масеҳиён ёрӣ расонанд.

## VI. ЗАБОН

Аҳди Нав ба забони гуфтугӯӣ навишта шудааст (ки *koine* ё «забони одии юнонӣ» ном дорад). Дар асри якум он забони дуюм, қариб умумиҷаҳонӣ буд, чунон ки забони англисӣ дар замони мо васеъ паҳн шудааст.

Ба андозае ки услуби забони ибрӣ ба пайғамбариҳо, назм ва ҳикоя хеле хуб мувофиқат мекард, ба ҳамон андоза забони юнонӣ барои Аҳди Нав чун воситаи муъҷизаосои тасвир пешбинӣ шуда буд. Забони юнонӣ ба шарофати забткориҳои Искандари Бузург то гӯшаҳои дуртарин паҳн гардид, сарбозонаш боис шуданд ин забонро дар байни аҳолӣ сода ва маъмул намуданд.

Аниқ будани замонҳои феъл, падежҳо, захираи луғавӣ ва дигар ҷузъиёти забони юнонӣ онро барои расондани ҳақиқатҳои таълимотӣ, ки дар номаҳо мавҷуданд (хусусан дар Нома ба Румиён), хеле муносиб мегардонанд.

Забони юнонии *koine* адабии олӣ ҳисоб намеёбад, аммо дар айни замон забони «кӯча», ё забони бенавоёни юнонӣ нест. Баъзе қисмҳои Аҳди Нав – Нома ба Ибриён, Номаи Яъқуб, Номаи 2-юми Петрус ба намунаҳои адабиёти олӣ наздик мебошанд. Инҷили Луқо дар қисмҳои ҷудогона қариб ба дараҷаи классикӣ мерасад, ва ҳатто Павлус гоҳо бо услуби баланд менависад (мас. Қур. бобҳои 13 ва 15).

## VII. ТАРҶУМА

Навиштаи Муқаддас ба забонҳои зиёд тарҷума шудааст ва дар тамоми ҷаҳон паҳн

гардидааст. Тарҷумаҳои Навиштаи Муқаддасро асосан ба чор намуд тақсим кардан мумкин аст:

1. **Тарҷумаи хеле аниқ**
Тарҷумаи хеле аниқ тарҷумаи беҳад таҳтуллафзӣ мебошад. Он барои омӯзиш фоиданок аст, аммо барои истифода ҳангоми мавъизаҳо, хониш ва аз ёд кардан суст мебошад. Мақсади тарҷумонҳо ҳамин буд, ки матни аслиро чун дар оина аниқ тасвир кунанд, бинобар ин сохти ҷумлаи ибрӣ ё юнонӣ нигоҳ дошта шудааст.

2. **Пурра мувофиқ**
Тарҷумаҳое ки нисбатан аниқ буда, бо нусхаҳои ибрӣ ё юнонӣ алоқаи зич доранд, аммо дар мавридҳое ки услуб ва идиомаҳо талаб мекунанд, ба тарҷумаи нисбатан озод роҳ медиҳанд.
Нусхаи тоҷикии Навиштаи Муқаддас (Институти тарҷумаи Библия, Стокҳолм с. 1992) ба ин гурӯҳ дохил мешавад.

3. **Қариб мувофиқ**
Ин типи тарҷума назар ба тарҷумаи пурра мувофиқ озодтар аст, баъзан дар он маънидод истифода мешавад – ин усул дар он ҳолат бамаврид аст, ки хонанда аз он огоҳ карда мешавад. Кӯшише карда шуда буд, то фикрҳои том бо ёрии сохторҳое ифода карда шаванд, ки агар Юҳанно ва Павлус дар замони мо зиста, менавиштанд, онҳоро истифода мебурданд. Агар ин усулро муҳофизакорона ба кор баранд, он муфид буда метавонад.

4. **Нақл**
Нақл матнро фикр аз пайи фикр баён мекунад, агарчи бисёр вақт дар он *иловаи* озоди мавод ҷой дорад. Азбаски он дар интихоби калимаҳо аз матни асл дур аст, ҳамеша хатари *тарҷумаи хеле озод* ҳаст. Мо чунин меҳисобем, ки тарҷумаи пурра мувофиқи Китоби Муқаддас барои омӯзиши муфассал судманд аст, чунон ки бо нусхаи тоҷикии Навиштаи Муқаддас дар ин тафсир пешниҳод шудааст.

# МУҚАДДИМА БА ИНҶИЛҲО

*Инҷилҳо навбарҳои ҳамаи он чизҳое мебошанд, ки замоне навишта шудаанд.*
Ориген

## I. ИНҶИЛҲОИ ПУРШАРАФИ МО

Ҳар шахсе ки адабиётро меомӯзад, бо мафҳумҳое ба монанди ҳикоя, роман, пйеса, тарҷумаи ҳол ва дигар шаклҳои адабӣ шинос аст. Аммо ҳангоме ки Худованди мо Исои Масеҳ ба замин омад, шакли комилан нав – *Инҷил* даркор шуд. Инҷил тарҷумаи ҳол нест, агарчи бисёр маводи мансуб ба тарҷумаи ҳол дорад. Ва на ҳикоя, агарчи дар он масалҳо ҷой доранд, масалан, оид ба писари ноқобил ва оид ба сомарии некдил, ки ба монанди ҳар гуна ҳикояи адабӣ шавқоваранд. Аз рӯи баъзе масалҳо ҳатто романҳо ва новеллаҳо навишта шудаанд. Инҷилҳо ҳисоботҳои ҳуҷҷатӣ низ нестанд, агарчи дар онҳо зикри аниқ ва мухтасари бисёр суҳбатҳо ва мавъизаҳои Худованди мо ҳастанд.

«Инҷил» на фақат шакли нотакрори адабист; баъди он ки чор инҷилнавис Инҷилҳои Матто, Марқус, Луқо ва Юҳанноро навиштанд, ҳеҷ каси дигар натавонист китобе нависад, ки сазовори ба қонуни шаръӣ дохил кардан бошад. Чор Инҷилро, ва фақат ҳаминҳоро, масеҳиён дар давоми қариб ду ҳазор сол муътақидона меҳисобанд. Бидъаткорони гуногун китобҳое менавиштанд, ки худашон инҷил *меномиданд,* аммо ин фақат кӯшишҳои ҳақиронаи баён намудани баъзе ақидаҳои бидъаткорона буданд, масалан гностисизм.

Аммо чаро чор Инҷил? Чаро на панҷ, то ки бо Панҷкитоби Мусо мувофиқат кунад ва Панҷкитоби масеҳиро ташкил диҳад? Ё чаро на як Инҷили дароз, ки ҳамаи такрорҳоро барҳам диҳад ва барои тасвири муъҷизаҳо ва масалҳо ҷой гузорад? Амалан кӯшишҳои «ҳамоҳангсозӣ», ё муттаҳид намудани чор Инҷил аз китоби Тасиан «Диатессарон» (ки дар тарҷума аз юнонӣ маънои «аз байни чор»-ро дорад) дар асри II милодӣ ибтидо мегирад.

Ириней назарияеро пешкаш намуд, ки миқдори Инҷилҳо ба чор тарафи олам ва ба чор унсур мувофиқат мекунад ва ба рақами универсалии «чор» ишорат мекунад.

## II. ЧОР РАМЗ

Ба бисёр касон, хусусан ба онҳое ки моили бадеиёт ҳастанд, байни чор Инҷил ва чор рамзи Ҳизқиёл ва рамзҳои Ваҳй – шер, наргов, одам ва уқоб – хатти мутавозӣ гузоштан маъқул аст. Вале масеҳиёни гуногун онҳоро бо Инҷилҳо ба таври гуногун алоқаманд мекарданд. Агар ин *нишонаҳои* хос (чунон ки онҳоро дар санъат меноманд) асоснок бошанд, шер беш аз ҳама ба Инҷили Матто мувофиқат мекунад – ба Инҷили шоҳонаи Шер аз сибти Яҳудо. Наргов, чун ҳайвони борбардор, бо Инҷили Марқус – Инҷили Хизматгор – хуб мувофиқат мекунад. Одам шахсияти асосии Инҷили Луқо мебошад – Инҷили Писари Одам. Ва ҳатто «Луғатномаи муродифҳо, калимаҳои зидмаъно ва пешояндҳо» ба он ишора мекунад, ки «уқоб нишонаи хоси Юҳаннои муқаддас аст, зеро он нишонаи пешбинии бузурги рӯҳонист».[1]

## III. ЧОР НАВЪИ ХОНАНДАГОН

Шояд беҳтарин маънидоди факти мавҷудияти чор Инҷил он аст, ки Рӯҳулқудс мекӯшад ба дили чор гурӯҳи гуногуни одамон ворид шавад – чор типи аз қадим вуҷуддоштаи одамон, ки дар замони мо низ ҳаммонандҳои худро доранд.

Ҳар кас бо он розӣ мешавад, ки Инҷили Матто Инҷили «яҳудитарин» аст. Ҳатто хонандаи бетаҷриба дар он иқтибосҳоро аз Аҳди Қадим, муҳокимарониҳои муфассал, насабномаи Худованд ва оҳанги умумии сомиро мебинад.

Марқус, ки шояд дар пойтахти империя менавишт, Инҷили худро ба румиён ва миллионҳо одамони монанди онҳо муқаррар намудааст, ки назар ба муҳокимарониҳо амалиётро афзал медонанд. Аз ҳамин сабаб дар Инҷили ӯ тасвири муъҷизаҳо аз масалҳо бештар аст. Дар ин ҷо набояд маълумот оид ба насабнома мебуд, зеро насабномаи яҳудие ки дар ҳаёташ

хизматгор шуд, барои румиён ҷолиби диққат набуд.

Инҷили Луқо – Инҷил барои юнониён ва бисёр румиёнест, ки адабиёт ва фарҳанги юнониро дӯст медоранд. Чунин одамон ҷонибдори зебоӣ, илмҳои гуманитарӣ, маданият ва камолоти адабӣ мебошанд. Табиб Луқо эҳтиёҷи онҳоро қонеъ мегардонад. Дар баробари юнониёни ҳозира, пайравони намоёни ин одамон франсавиён мебошанд. Ҳайратовар нест, ки маҳз франсавиён Инҷили Луқоро «китоби беҳтарин дар ҷаҳон» номидаанд (ниг. «Муқаддима» ба Инҷили Луқо).

Пас барои Инҷили Юҳанно кӣ мондааст? Ин инҷили универсалӣ аст, ки барои ҳар кас мувофиқ аст. Он барои башоратдиҳӣ мебошад (20,30-31), аммо мутафаккирони ҷиддии масеҳӣ низ онро қадршиносӣ мекунанд. Ҷавоб, шояд, ин аст: «Инҷили Юҳанно барои «нажоди сеюм» аст – бутпарастон масеҳиёни аввалинро, ки на яҳудӣ ва на бутпараст буданд, чунин меномиданд.

## IV. ДИГАР АҚИДАҲОИ ЧОРГОНАГӢ

Дар Аҳди Қадим дигар ақидаҳои чоргонагӣ ҳастанд, ки бо мавҷудияти чор мавзуъ дар Инҷилҳо хуб мувофиқат мекунанд.

Калимаи «Шоха/Навда», ки Худованди моро тавсиф медиҳад, дар матнҳои зерин вомехӯрад:

«... Шохаи ... Подшоҳ» (Ирм. 23,5-6); «... бандаи Худ – Навдаро» (Зак. 3,8); «... марде ... Навда» (Зак. 6,12); «... навдаи Худованд» (Иш. 4,2). Калимаи «инак» низ чор бор дар Аҳди Қадим вомехӯрад, ки ин бо чор мавзуи асосии Инҷилҳо мувофиқ меояд.

«... Инак, Подшоҳи ту» (Зак. 9,9); «Инак, Бандаи Ман» (Иш. 42,1); «... инак Марде» (Зак. 6,12); «Инак, Худои шумо!» (Иш. 40, 9).

Айнияти охирин равшан нест, аммо барои бисёриҳо далели баракатҳост. Чор ранги мавод, ки ҳангоми сохтмони хаймаи ҷомеъ истифода мешуд, ва низ маънои рамзии онҳо, ба ақидаи чоргонагии инҷилнависон мувофиқат мекунанд ва аломатҳои хоси Худованди моро тасвир мекунанд.

*Арғувон* интихоби беҳтаринест барои *Инҷили Матто* – Инҷили Подшоҳ. Дар Доварон 8,26 ба шоҳон дахл доштани ин ранг нишон дода шудааст.

Дар замонҳои қадим ранги *қирмизиро* бо роҳи пахш кардани кирми қирмиз ҳосил мекарданд. *Инҷили Марқусро* Инҷили Хизматгор меноманд, Инҷили *«... кирм... ва на одамизод»* (Заб. 21,7).

Ранги *сафед* оид ба росткории муқаддасон мегӯяд (Ваҳй 19,8). *Инҷили Луқо* камолоти моҳияти одамии Масеҳро таъкид мекунад.

*Кабуд* рамзи гунбазест аз ёқути кабуд, ки мо осмонҳо меномем (Хур. 24,10), тасвири ҷозибаноки Илоҳияти Масеҳ – ақидаи асосии *Инҷили Юҳанно*.

## V. ТАРТИБ ВА МАЪНОИ АСОСӢ

Дар Инҷилҳо мо воқеаҳоеро вомехӯрем, ки на ҳамеша бо тартиби воқеъ шудан сабт гардидаанд. Пеш аз ҳама бояд донист, ки Рӯҳи Худо аксар вақт воқеаҳоро мувофиқи таълими ахлоқиашон гурӯҳбандӣ мекунад. Келлӣ мегӯяд:

*Ба пеш ҳаракат карда, мо он ҳақиқатро исбот мекунем, ки Инҷили Луқо бо тартиби маъноӣ тавсиф дода мешавад ва Луқо на ин ки пайдарпайии одии воқеаҳоро баён менамояд (ки ин дар асл шакли дағалтарин ва хомтарини баён аст), балки фактҳо, суҳбатҳо, саволҳо, ҷавобҳо ва баҳсҳои Худованди моро мувофиқи алоқамандии дохилиашон гурӯҳбандӣ мекунад. Аммо бо назардошти сабабҳо ва натиҷаҳо, мувофиқи тартиби маъноӣ гурӯҳбандӣ кардани воқеа вазифаи душворест барои таърихшинос, ки аз солноманависи муқаррарӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат фарқ мекунад. Худо Луқоро истифода бурд, ва ӯ аз уҳдаи ин вазифа бо муваффақият баромад.*[2]

Самтҳо ва тарзҳои гуногуни баёни мавод барои фаҳмондани гуногунии Инҷилҳо ёрӣ медиҳанд. Дар ҳоле ки се Инҷили аввал, «синоптикӣ» (яъне «дорои нуқтаи назари умумӣ»), дар тарзи тасвири ҳаёти Масеҳ монанд ҳастанд, Инҷили Юҳанно аз онҳо фарқ мекунад. Юҳанно дертар навишта буд ва чизҳои гуфташударо такрор кардан намехост. Дар Инҷили ӯ ҳаёт ва суханони Худованди мо аз нуқтаи назари мутафаккир ва илоҳиётшинос баён шудаанд.

## VI. САВОЛИ СИНОПТИКӢ

Пас чаро дар се Инҷил монандӣ ва ҳатто такрори пурраи калимаҳо дар порчаҳои тулонӣ бисёр вомехӯрад, ва дар айни ҳол бисёр фарқҳо дида мешаванд – ана ҳамин аст «мушкилии синоптикӣ». Аниқтараш, ин на мушкилии масеҳиёни муҳофизакор, балки мушкилии онҳоест, ки илҳоми илоҳиро рад мекунанд. Бисёр назарияҳои мураккаб ба ҳуҷҷатҳои гумшудае ишора мекарданд, ки осорашон дар шакли хаттӣ боқӣ намондааст. Баъзеи ин ақидаҳо бо Инҷили Луқо 1,1 мувофиқанд ва аз нуқтаи назари муҳофизакор ақаллан *имконпазиранд*. Бо вуҷуди ин баъзеи ин назарияҳо боиси пайдо шудани изҳороте гардиданд, ки гӯё ҷамоати асри якум «асотирҳо»-ро оид ба Исои Масеҳ ҷамъ овардааст. Ин назарияҳо, ки шакли навиштро танқид мекунанд, ба ҳамаи сарчашмаҳои масеҳӣ ва таърихи Ҷамоат бовар надоранд, ва бояд гуфт, ки далели хаттии ҳеҷ кадоми онҳо вуҷуд надорад. Ҳамчунин *ду олиме вуҷуд надоранд,* ки дар масъалаи ба категорияҳо ҷудо кардан ва ба порчаҳо тақсим намудани Инҷилҳои синоптикӣ ҳамфикр бошанд.

Ҳалли беҳтарини ин масъаларо мо дар суханони Худованд дар Инҷили Юҳанно (14,26) пайдо мекунем: «Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба номи Ман мефиристад, ҳама чизро ба шумо таълим медиҳад ва ҳар он чиро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо меоварад».

Ин ёддоштҳои шоҳидонаи Матто ва Юҳанно, ва аз афташ, Марқусро низ мефаҳмонад, агар тахмин кунем, ки вай ёддоштҳои Петрусро менавишт, чунон ки таърихи Ҷамоат ба ин ишора мекунад. Ба ин ёрии бевоситаи Рӯҳулқудс ҳуҷҷатҳои хаттиеро, ки дар Инҷили Луқо (1,1) зикр мешаванд, ва аниқии барҷастаи *анъанаҳои шифоҳии* халқҳои сомиро илова намоед – ва ҷавоб ба саволи синоптикӣ ёфт шуд. Ҳама гуна ҳақиқатҳои даркорӣ, ҷузъиёт ё маънидодҳоеро, ки берун аз ин сарчашмаҳоянд, дар суханони аз Рӯҳулқудс омӯхташуда (1Қур. 2,13) ошкор намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ ҳангоме ки ихтилофҳо ва фарқҳои аёнро дар ҷузъиёт мебинем, мо чунин савол дода, кори дуруст мекунем: чаро *ин* Инҷил *ин* воқеа ё суханрониро зикр намекунад, дохил мекунад ва ё таъкид менамояд? Масалан, Матто ду бор оид ба ду шахси шифоёфта мегӯяд (кӯр ва девона), дар ҳоле ки Марқус ва Луқо фақат якеро зикр мекунанд. Баъзеҳо дар ин ихтилофро мебинанд. Онро ба ёд оваред, ки Инҷили Матто Инҷили яҳудист ва ду шахсро барои он зикр мекунад, ки шариат «ду ё се шоҳид» талаб мекард, дигарҳо бошанд маълумотро масалан, *номи* шахсро (Бартимайи кӯр), зикр мекунанд.

Бандҳои баъдина он ҳақиқатро нишон медиҳанд, ки баъзе такрорҳои дар Инҷил вомехӯрда дар асл фарқҳои муҳимро ба мадди аввал мегузоранд:

Инҷили Луқо (6,20-23), дар назари аввал, Мавъизаи болои кӯҳро такрор мекунад, аммо ин ҷо гуфта мешавад, ки ин мавъиза дар ҳамворӣ воқеъ шудааст (Луқ. 6,17). Фармудаҳои хушбахтӣ хислати шаҳрванди идеалии Подшоҳиро тасвир мекунанд, дар ҳоле ки Луқо оид ба тарзи зиндагии онҳое мегӯяд, ки шогирдони Масеҳ мебошанд.

Ҳамонандии Луқо 6,40 ва Матто 10,24 ба назар мерасад. Аммо дар Инҷили Матто Исо Устод аст, мо бошем – шогирдон. Дар Инҷили Луқо шахси имондор устод аст, ва шахсе ки ӯ ба вай таълим медиҳад – шогирд. Инҷили Матто (7,22) хизмат ба Подшоҳро қаламдод менамояд, дар ҳоле ки Инҷили Луқо (13,25-27) муносибатҳоро бо Соҳиб тасвир мекунад.

Агар Инҷили Луқо (15,4-7) фарисиёнро сахт айбдор мекарда бошад, пас Инҷили Матто (18,12-13) оид ба ғамхорӣ ба фарзандон ва муҳаббати Худо нисбати онҳо мегӯяд.

Дар ҳузури фақат имондорон Яҳёи Таъмиддиҳанда гуфт: «Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳад дод» (Марқ. 1,8; Юҳ. 1,33). Ва ҳангоме ки одамони гуногун ҳузур доштанд, ва фарисиён низ дар байни онҳо буданд, ӯ гуфт: «Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод» (Мат. 3,11; Луқ. 3,16).

Ифодаи «ба ҳар андоза, ки чен кунед» ҳангоми тасвири майли мо ба *ҳукм кардани дигарон* (Мат. 7,2), *мувофиқати мо ба Каломи Худо* (Марқ. 4,24) ва *кушодадастии мо* (Луқ. 6,38) истифода шудааст.

Ин фарқҳо на мухолифат, балки ғизои рӯҳонии мақсаднок ва муфидест барои андешаронии шахси имондор.

### VII. МУАЛЛИФИИ КИТОБҲО

Ҳангоми баҳсҳо оид ба муаллифии Инҷилҳо ва дигар китобҳои Навиштаи Муқаддас одатан далелҳоро ба шаҳодатҳои *дохилӣ* ва *берунӣ* ҷудо мекунанд. Мо бо ҳамаи 27 китоби Аҳди Нав чунин карданро пешниҳод мекунем. Ба шаҳодатҳои *берунӣ* хабарҳое дохил мешаванд, ки аз нависандагоне гирифта шудаанд, ки дар давраи ба навишти китоб наздик зистаанд, одатан инҳо падарони Ҷамоат дар асрҳои II ва III ва баъзе бидъаткорону муаллимони дурӯғин мебошанд. Ин одамон оид ба китобҳо ва муаллифони мавриди таваҷҷуҳи мо иқтибос меоваранд, зикр мекунанд ва баъзан махсусан нақл мекунанд. Масалан, агар Клименти Румӣ Номаи 1-ум ба Қуринтиёнро тақрибан дар охири асри якуми милодӣ иқтибос оварда бошад, пас ин нома наметавонад асари қалбакии асри дуюм бошад, ки ба номи Павлус навишта шудааст. Ба шаҳодатҳои *дохилӣ* услуб, таркиби луғавӣ, таърих ва мазмуни китоб дахл доранд, ки онҳоро аз назар гузаронда, мо мебинем, ки ин ба он чи дигар муаллифон ва ҳуҷҷатҳо эълон менамоянд, мувофиқат дорад ё мухолиф аст. Масалан, услуби Инҷили Луқо ва Аъмол нуқтаи назареро тасдиқ мекунанд, ки муаллиф табиби маълумотноки ғайрияҳудӣ буд.

Дар бисёр китобҳо «қонуни шаръӣ» ё рӯйхати китобҳои тасдиқшуда оварда мешавад, ки бидъаткор Маркион дар асри II тартиб додааст. Ӯ ба он фақат Инҷили ихтисоршудаи Луқо ва даҳ номаи Павлусро дохил кард, аммо, бо вуҷуди ин, рӯйхат оид ба китобҳое шаҳодат медиҳад, ки он вақт умуман шинос буданд. Қонуни шаръии Мураторӣ (бо номи кардинал Мураторӣ, ки ин нусхаи қонуни шаръиро ёфтааст) рӯйхати китобҳои қонунии масеҳист, ки порча-порча бошад ҳам, муътақидона мебошад.

## Тавзеҳот


1. James C. Fernald, ed., *Emblem, Funk & Wagnalls Standard Handbook of Synonyms, Antonyms and Prepositions,* саҳ. 175.
2. William Kelly, *An Exposition of the Gospel of Luke,* саҳ. 16.

# ИНҶИЛИ МАТТО

*Аз ҷиҳати азамати нуқтаи назар ва қуввае, ки ба воситаи он миқдори зиёди мавод ба идеяҳои бузург тобеъ карда шудаанд, ягон Навиштаҳои Аҳди Нав ё Қадим, ки ба мавзӯоти таърихӣ дахл доранд, бо Инҷили Матто баробар шуда наметавонад.*

Теодор Зан

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Инҷили Матто кӯпруки олидараҷаест байни Паймонҳои Қадим ва Навин. Аз калимаҳои аввалин мо ба нахустпадари халқи Худо – Иброҳим ва аввалин шоҳи бузурги Исроил – Довуд бармегардем. Аз ҷиҳати эҳсосотнокӣ, обуранги зиёди ибрӣ, иқтибосҳои бисёр аз Навиштаҳои яҳудӣ ва мавқеи аввали худ дар байни ҳамаи китобҳои Аҳди Нав Инҷили Матто мақоми мантиқиеро таҷассум менамояд, ки хабари масеҳӣ барои ҷаҳон роҳи худро аз он сар мекунад.

Инҷили Матто аллакай муддати дароз байни Инҷилҳо ҷои аввалинро ишғол мекунад. Шояд, сабаб дар он аст, ки то ба наздикӣ гумон мекарданд, ки ин Инҷил *аввалин* навишта шудааст. Ҳамчунин инро аз боиси услуби бонизому возеҳи Матто барои дар пеши ҷамоат хондан мувофиқ меҳисобиданд. Бинобар ин Инҷили Матто ҳама вақт Инҷили маълумтарин буд ва фақат гоҳо ин ҷойро бо Инҷили Юҳанно тақсим мекард.

Бовар кардан ба он, ки Инҷили Матто якум навишта шудааст, барои «муҳофизакор» будан ҳатмӣ нест. Ба ҳар ҳол масеҳиёни аввалин қариб ҳама яҳудиён буданд, ва онҳо ҳазорҳо буданд. Албатта эҳтиёҷи онҳо ба Инҷил дар навбати *аввал* қонеъ гардид.

### II. МУАЛЛИФӢ

Он ақидае ки Маттои андозғундор, ки Левӣ ҳам номида мешуд, Инҷили аввалинро навиштааст, *қадимӣ* ва *аз тарафи умум қабулшуда* аст. Азбаски вай узви машҳури гурӯҳи расулон набуд, хеле аҷиб менамуд, ки Инҷили аввалинро ба вай нисбат диҳанд, дар ҳолате ки вай ба он ягон алоқае надошта бошад.

Ба ғайр аз ҳуҷҷати қадимие ки бо номи «Дидахэ» («Таълимоти дувоздаҳ расул») маълум аст, Юстини Риёзаткаш, Дионисий аз Қуринтус, Теофилус аз Антокия ва Афенагор аз Атино Инҷилро ҳамчун эътимодбахш баҳо медиҳанд. Евсевий, муаррихи калисо, Папийро иқтибос мекунад, ки мегуфт: «Матто «Логика»-ро ба забони ибрӣ навиштааст, ва ҳар кас онро чунон ки метавонад, тафсир мекунад». Ириней, Пантейн ва Ориген асосан бо ин розӣ ҳастанд. Ақидае васеъ паҳн шудааст, ки «ибрӣ» шевае аз забони арамӣ мебошад, ки ибриён дар замони Худованди мо аз он истифода менамуданд, чунки ин калима дар Аҳди Нав вомехӯрад. Аммо «логика» чист? Одатан ин калимаи юнонӣ маънои «ваҳй»-ро дорад, чунки дар Аҳди Қадим *ваҳйҳои* Худо ҳастанд. Дар гуфтаи Папий он наметавонад чунин маъно дошта бошад. Бар ин фикри вай се нуқтаи назар ҳаст:

1. он аслан ба *Инҷили* Матто дахл дорад. Яъне Матто варианти арамии *Инҷили* худро махсус барои он навишт, ки яҳудиёнро ба сӯи Масеҳ раҳнамун созад ва ибриёни масеҳиро панду насиҳат диҳад, ва варианти юнонӣ бошад баъдтар пайдо шуд;
2. он танҳо ба *гуфтаҳои* Исо дахл дорад, ки дертар ба Инҷили вай гузаронида шуданд;
3. он ба *«шаҳодатҳо»*, яъне ба иқтибосҳои Навиштаҳои Аҳди Қадим дахл дорад, то нишон диҳад, ки Исо – Масеҳ аст. Ақидаҳои аввал ва дуюм бештар имконпазир мебошанд.

Забони юнонии Матто ҳамчун тарҷимаи ошкоро хонда намешавад; аммо чунин ривояти васеъ паҳншуда (дар ҳолати набудани ихтилофоти ибтидоӣ) бояд далелҳои асоснок дошта бошад. Ривоят мегӯяд, ки Матто 15

сол дар Фаластин мавъиза мекард, ва баъд ба кишварҳои бегона барои хушхабаррасонӣ равона шуд. Эҳтимол, тақрибан дар соли 45 вай барои ибриёне ки Исоро ҳамчун Масеҳ қабул карда буданд, лоиҳаи аввалини Инҷили худро (ё ки *гуфтаҳои* Масеҳ) ба забони арамӣ боқӣ гузошт, дертар бошад барои истифодаи *умум* варианти ниҳоии *юнонӣ* таълиф намуд. Юсуф, ҳамзамони Матто, низ ҳамин тавр кард. Ин муаррихи ибрӣ лоиҳаи аввалини *«Ҷангҳои яҳудиён»*-ро ба забони арамӣ навишт, ва баъд китобро ба таври ниҳоӣ ба забони юнонӣ ба шакл даровард.

*Шаҳодатҳои дохилии* Инҷили якум барои яҳудии тақводор, ки Аҳди Қадимро дӯст медошт ва нависандаву муҳаррири болаёқат буд, хеле мувофиқат мекунанд. Ҳамчун ходими ғайринизомии Рум, Матто мебоист ҳар ду забонро хуб медонист: забони халқи худро (арамӣ) ва забони онҳоеро, ки дар сари ҳокимият буданд. (Румиён дар Шарқ аз забони юнонӣ истифода мебурданд, на лотинӣ.) Тафсилот оид ба рақамҳо, масалҳо дар бораи пул, истилоҳоти молиявӣ, инчунин услуби фасеҳи дуруст – ҳамаи ин ба таври олидараҷа бо касби ӯ (андозғундор) мувофиқат мекард. Олими ғайриконсервативӣ Гудспид қисман ҳамчунин зери таъсири шаҳодатҳои боварибахши дохилӣ Матторо муаллифи ин Инҷил меҳисобад.

Бо вуҷуди ин гуна шаҳодатҳои берунии универсалӣ ва шаҳодатҳои дохилии мувофиқаткунанда аксари олимони либералӣ (озодандеш) ақидаи анъанавиеро *рад мекунанд,* ки ин китобро андозғундор Матто навиштааст. Онҳо инро бо ду сабаб асоснок мекунанд.

Якум: Агар чунин ҳисобем, ки Инҷили Марқус аввалин Инҷили хаттӣ буд (ки имрӯзҳо дар баъзе доираҳо онро «Инҷили ҳақиқӣ» меноманд), пас ин қадар маводи зиёдро аз Марқус истифода бурдани расул ва шоҳид чӣ ҳоҷат буд? (93% Инҷили Марқус дар Инҷилҳои дигар низ ҳаст.) Дар ҷавоби ин савол пеш аз ҳама мегӯем: *исбот нашудааст,* ки Инҷили Марқус аввал навишта шудааст. Шаҳодатҳои қадимӣ мегӯянд, ки Инҷили Матто якум буд, ва азбаски масеҳиёни аввалин қариб ҳама ибриён буданд, дар ин маънои калоне ниҳон аст. Аммо агар бо «авлавияти Марқус» розӣ шавем ҳам (ва бисёрии илоҳиётшиносони муҳофизакор ҳамин тавр мекунанд), Матто метавонист иқрор шавад, ки асари Марқус, чунон ки ривоятҳои ибтидоии ҷамоат таъкид мекунанд, асосан зери таъсири Шимъуни Петрус, ҳамрасули серғайрати Матто, эҷод шудааст (ниг. ба Муқаддима барои Инҷили Марқус).

Далели дуюм ба муқобили он ки китобро Матто навиштааст (ё ягон шоҳиди дигар), набудани ҷузъиёти равшан аст. Марқус, ки ҳеҷ кас вайро шоҳиди хизмати Масеҳ намеҳисобад, дар асари худ тафсилоти пуробуранге дорад, ки аз онҳо метавон хулоса намуд, гӯё вай ҳангоми вуқуи ҳодисаҳо ҳузур дошта бошад. Аммо шоҳид чӣ тавр метавонист ин қадар беобуранг нависад? Эҳтимол, худи хусусиятҳои феълу атвори андозғундор инро хеле хуб шарҳ медиҳад. Барои ба суханҳои Худованди мо ҷои бештар додан Левӣ бояд барои ҷузъиёти нодаркор ҷои камтар ҷудо мекард. Ин махсус дар ҳолате ки Марқус аввал менавишт ва Матто бошад хусусиятҳоеро медид, ки бевосита аз Петрус дохил шудаанд, ҳамин тавр мешуд.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Агар ақидаи васеъ паҳншуда оид ба он ки Матто аввал варианти арамии Инҷилро навишт (ё, ақаллан, гуфтаҳои Исоро), дуруст аст, пас санаи навиштан – соли 45-уми милодӣ, 15 сол пас аз боло шудани Масеҳ, пурра бо ривоятҳои қадимӣ мувофиқат мекунад. Инҷили пурратари қонунии худро ба забони юнонӣ вай, эҳтимол, дар солҳои 50 – 55 ё аз он ҳам дертар ба охир расонд.

Ақидае ки Инҷил *бояд* баъди вайроншавии Уршалим (соли 70-уми милодӣ) *навишта шуда бошад,* дар нобоварӣ ба он ки Масеҳ ҳодисаҳои ояндаро бо ҷузъиёташ пешгӯӣ карда метавонист ва дар дигар назарияҳои ратсионалистӣ, ки илҳоми илоҳиро нодида мегиранд ва ё рад мекунанд, асос ёфтааст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Матто ҷавон буд, вақте ки Исо вайро даъват кард. Аслу насабаш яҳудӣ ва касбаш андозғундор буда, вай ҳама чизро тарк кард, то ба

Исо пайравӣ кунад. Яке аз подошҳои зиёд барояш он буд, ки вай ба қатори дувоздаҳ расул дохил шуд. Подоши дигар – интихоб шудани вай ба муаллифии асаре мебошад, ки мо онро чун Инҷили аввалин медонем. Одатан чунин мешуморанд, ки Матто ва Левӣ як шахс аст (Марқ. 2,14; Луқ. 5,27).

Дар Инҷили худ Матто ба худ мақсад мегузорад, то нишон диҳад, ки Исо – Масеҳи Исроил аст, ки дер боз интизораш буданд, ягона довталаби қонунӣ ба тахти Довуд.

Китоб даъвои онро надорад, ки ривояти пуррае оид ба зиндагии Масеҳ бошад. Он аз насабномаи Ӯ ва солҳои кӯдакияш сар мешавад, сипас ривоят ба ибтидои хизмати ҷамъиятии Ӯ мегузарад, вақте ки Ӯ тақрибан сисола буд. Таҳти ҳидояти Рӯҳулқудс Матто чунин ҷанбаҳои ҳаёти Наҷотдиҳандаро интихоб мекунад, ки *Масҳшудаи* Худо будани Ӯро шаҳодат медиҳанд (калимаи «Масеҳ» ё «Христос» ҳамин маъноро дорад). Китоб моро ба авҷи воқеаҳо мебарад: маҳкум шудан, азоб, марг, зиндашавӣ ва болоравии Худованд Исо. Ва, албатта, дар ин авҷи воқеаҳо асоси наҷоти одам гузошта шудааст. Бинобар ин китоб «Хушхабар» номида шудааст – на танҳо барои он ки вай барои наҷоти гуноҳкорон роҳ мекушояд, балки бештар барои он ки хизмати фидокоронаи Масеҳро нишон медиҳад, ки ба шарофати он наҷот имконпазир гардид.

«Тафсири Навиштаи Муқаддас барои масеҳиён» он ҳадаферо надорад, ки фарогиранда ва аз ҷиҳати техникӣ комил бошад, балки, аниқтараш, мақсад дорад хоҳиши дар бораи Каломи Худо андешаронӣ кардан ва омӯхтани онро бедор намояд. Ва беш аз ҳама ин китоб ҳадафи онро дорад, ки дар дили хонанда хоҳиши қавии бозгашти Подшоҳро ба вуҷуд орад.

*Ва ҳатто ман, бо дили торафт сӯзон,*
*Ва ҳатто ман, бо умедвории ширин,*
*Оҳи вазнин мекашам, эй Масеҳи ман,*
*Барои он даме ки бозгардӣ Ту,*
*Гум карда далериро аз дидани он*
*Оянда қадамҳои оташини Ту.*

Ф. У. Г. Майер

## Нақша

I. НАСАБ ВА ЗОДАШАВИИ МАСЕҲ – ПОДШОҲ (Б. 1)
II. СОЛҲОИ ҶАВОНИИ МАСЕҲ – ПОДШОҲ (Б. 2)
III. ТАЙЁРӢ БА ХИЗМАТИ МАСЕҲОНА ВА ИБТИДОИ ОН (Б. 3 ва 4)
IV. СОХТОРИ ПОДШОҲӢ (Б. 5–7)
V. МУЪҶИЗОТИ МАСЕҲ ДАР ФАЙЗ ВА ҚУВВА, ВА АКСУЛАМАЛИ ГУНОГУН БА ОН (8,1–9,34)
VI. РАСУЛОНИ МАСЕҲ-ПОДШОҲ БА ИСРОИЛ ФИРИСТОДА МЕШАВАНД (9,35–10,42)
VII. МУХОЛИФАТИ АФЗУДАИСТОДА ВА РАД ШУДАНИ МАСЕҲ (Б. 11 ва 12)
VIII. ПОДШОҲИ АЗ ТАРАФИ ИСРОИЛ РАДШУДА ШАКЛИ НАВИ МОБАЙНИИ ПОДШОҲИРО ЭЪЛОН МЕКУНАД (Б. 13)
IX. ФАЙЗИ ХАСТАНАШАВАНДАИ МАСЕҲ БО ДУШМАНИИ АФЗОЯНДА РӮ БА РӮ МЕШАВАД (14,1–16,12)
X. ПОДШОҲ ШОГИРДОНИ ХУДРО ТАЙЁР МЕКУНАД (16,13–17,27)
XI. ПОДШОҲ БА ШОГИРДОНАШ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД (Б. 18–20)
XII. МУАРРИФӢ ВА РАД ШУДАНИ ПОДШОҲ (Б. 21–23)
XIII. НУТҚИ ПОДШОҲ ДАР БОЛОИ КӮҲИ ЗАЙТУН (Б. 24 ва 25)
XIV. АЗОБ ВА МАРГИ ПОДШОҲ (Б. 26 ва 27)
XV. ТАНТАНАИ ПОДШОҲ (Б. 28)

# Тафсир

## I. НАСАБ ВА ЗОДАШАВИИ МАСЕҲ – ПОДШОҲ (Б. 1)

### А. Насаби Исои Масеҳ (1,1-17)

Ҳангоми бе диққат хондани Аҳди Нав хонанда метавонад ҳайрон шавад, ки чаро китоб бо мавзӯи дилгиркунандаи шаҷараи насаб (насабнома) сар мешавад. Касе метавонад қарор диҳад, ки ин рӯйхати номҳоро сарфи назар карда, ба ҷои саршавии воқеаҳо гузаштан ҳеҷ зарар надорад.

Аммо насабнома ниҳоят муҳим аст. Он асосгузори ҳамаи он чизҳоест, ки дар оянда гуфта мешаванд. Агар вориси қонунии Довуд будани Исоро нишон додан ғайриимкон бошад, исбот кардани Масеҳ будан ва Подшоҳи Исроил будани Ӯ номумкин мешавад. Матто нақли худро маҳз аз он сар мекунад, ки мебоист сар мекард: аз исботи ҳуҷҷатии он ки Исо ба воситаи падарандари Худ Юсуф ҳуқуқи қонуниро ба тахти Довуд мерос гирифтааст.

Дар ин насабнома аслу насаби *қонунии* Исо ҳамчун Подшоҳи Исроил нишон дода мешавад; дар насабномаи Инҷили Луқо аслу насаби бевоситаи Ӯ ҳамчун писари Довуд нишон дода шудааст. Насабнома дар Инҷили Матто хатти *подшоҳиро* аз Довуд ба воситаи писари вай Сулаймон, подшоҳи оянда, нишон медиҳад; насабнома дар Инҷили Луқо дар *хешии хунӣ* ба воситаи писари дигари Довуд, Нотон, асос ёфтааст. Ин насабнома бо Юсуф ба анҷом мерасад, ки Исоро *писархонд* намуд; насабнома дар боби сеюми Инҷили Луқо, аз афташ, гузаштагони Марямро аз назар мегузаронад, ки барои вай Исо писари *аслӣ* буд.

Ҳазор сол пеш аз ин Худо бо Довуд аҳду паймон баст, ва ба вай подшоҳии беохир ва сулолаи канданашавандаи подшоҳиро ваъда дод (Заб. 88,4.36.37). Он ваъда акнун ба воситаи Исо иҷро шуд: Ӯ ба воситаи Юсуф вориси қонунии тахти Довуд ва ба воситаи Марям насли ҳақиқии Довуд аст. Азбаски Ӯ ҷовидонӣ аст, подшоҳии Ӯ ҷовидонӣ хоҳад буд ва Ӯ чун Писари бузургтари Довуд ҷовидона подшоҳӣ хоҳад кард. Исо ду шарти ҳатмиро (ҳуқуқӣ ва меросӣ) барои довталабӣ ба тахти Исроил дар Шахсияти Худ пайваст. Ва азбаски Ӯ ҳоло ҳам зинда аст, дигар довталабон буда наметавонанд.

**1,1-16** Тасвияи *«Насабномаи Исои Масеҳ, Писари Довуд, Писари Иброҳим»* ба ифода аз Ҳастӣ 5,1 мувофиқат мекунад: «Ин аст китоби насаби Одам ...» Ҳастӣ ба мо Одами якумро муаррифӣ мекунад. Матто – Одами охиринро. Одами аввалин сарвари офаридаи якум ё моддӣ, буд. Масеҳ, чун Одами охирин, Сарвари офаридаи нав, ё рӯҳонӣ мебошад.

Мавзӯи ин Инҷил – *Исои Масеҳ* аст. Номи «Исо» Ӯро чун Яҳува Наҷотдиҳанда[1] муаррифӣ мекунад, унвони *«Масеҳ»* («Масҳшуда») – чун Масеҳи Исроил, ки дер боз интизораш буданд. Унвони *«Писари Довуд»* ба мартабаи Масеҳ ва Подшоҳ дар Аҳди Қадим монанд карда мешавад. Унвони *«Писари Иброҳим»* Худованди моро чун Оне муаррифӣ мекунад, ки иҷрокунандаи ниҳоии ваъдаи ба халқи яҳудӣ додашуда буд.

Насабнома ба се қисми таърихӣ ҷудо карда шудааст: аз Иброҳим то Ишой, аз Довуд то Йӯшиё ва аз Еконё то Юсуф. Қисми аввал ба Довуд мебарад, дуюм шомили давраи подшоҳӣ аст, қисми сеюм рӯйхати шахсони аслу насаби подшоҳӣ доштаро аз давраи асирӣ (соли 586 пеш аз милод) то Исо дар бар мегирад.

Дар ин рӯйхат бисёр ҷузъиёти ҷолиби диққат ҳастанд. Масалан, дар он чор зан номбар мешаванд: *Томор, Роҳоб, Рут, Батшобаъ (ки зани Уриё буд)*. Азбаски дар насабномаҳои шарқӣ занҳо хеле кам вомехӯранд, ба рӯйхат дохил шудани ин занҳо боз аз он сабаб ҳайратовар аст, ки дутои онҳо фоҳиша буданд (Томор ва Роҳоб), яке зино кард (Батшобаъ) ва ду нафар ғайрияҳудӣ буданд (Роҳоб ва Рут). Ба қисми муқаддимавии Инҷили Матто дохил карда шудани онҳо эҳтимол ишораи нозуке ба он ҳақиқате бошад, ки омадани Масеҳ ба гуноҳкорон наҷот, ба ғайрияҳудиён файз меоварад ва дар Ӯ ҳамаи монеаҳои нажодӣ ва ҷинсӣ барҳам дода мешаванд.

Номбар шудани подшоҳе бо номи *Еконё* низ ҷолиби диққат аст. Дар Ирмиё 22,30 Худо ба ин одам лаънатро ба забон овард:

«Чунин мегӯяд Худованд: «Ин шахсро безоту зурриёт, марди дар умраш комёбнашудае бинависед, зеро ки касе аз наслаш комёб шуда, бар тахти Довуд нахоҳад нишаст ва дар Яҳудо дигар салтанат нахоҳад ронд».

Агар Исо *дар ҳақиқат* писари Юсуф мебуд, ин лаънат ба Ӯ низ дахл медошт. Аммо Ӯ ба ҳар ҳол аз ҷиҳати *ҳуқуқӣ* бояд писари

Юсуф мебуд, то вориси ҳаққи тахти Довуд бошад. Ин мушкилӣ бо зода шудан аз бокира ҳал шуд: ба воситаи Юсуф Исо аз ҷиҳати *ҳуқуқӣ* вориси тахт шуд. Ба воситаи Марям Ӯ писари *ҳаққонии* Довуд буд. Лаънати Еконё ба Марям ва фарзандонаш таъсир надошт, чунки аслу насаби вай аз Еконё набуд.

**1,17** Матто ба мавҷудияти се гурӯҳ бо *чордаҳ авлод* дар ҳар кадом диққати махсус медиҳад. Аммо мо медонем, ки дар рӯйхати вай баъзе номҳо намерасанд. Масалан, байни Йӯром ва Узиё (ояти 8) Аҳазёҳу, Еҳӯош ва Амасё подшоҳӣ кардаанд (2Подш. 8-14; 2Вақ. 21-25).

Ҳам Матто, ҳам Луқо ду номи якхеларо номбар мекунанд: Шаалтиил ва Зарубобил (Мат. 1,12; Луқ. 3,27). Аммо аҷиб аст, ки насабномаи Юсуф ва Марям дар ин ду шахсият бояд нуқтаи умумӣ дошта бошанд, ва баъд боз аз ҳам дур шаванд. Сарфаҳм рафтан боз ҳам душвортар мешавад, чун пайхас мекунем, ки ҳар ду Инҷил мувофиқи Эзро 3,2 Зарубобилро ба қатори писарони Шаалтиил дохил мекунанд, ҳол он ки дар 1Вақоеънома 3,19 вай чун писари Фадоё навишта шудааст.

Душвории сеюм дар он аст, ки Матто аз Довуд то Исо бисту ҳафт наслро нишон медиҳад, дар ҳоле ки Луқо чилу ду наслро номбар мекунад. Агарчи инҷилнависон насабномаҳои гуногунро меоранд, ба ҳар ҳол ин гуна фарқ дар миқдори наслҳо аҷиб метобад.

Пас омӯзандаи Навиштаи Муқаддас нисбати ин душвориҳо ва ихтилофоти ба назар метобида бояд чӣ чуна мавқеъро ишғол намояд? Аввалан, шарти пешакии бунёдии мо он аст, ки Навиштаи Муқаддас Каломи Худост, ки бо илҳоми илоҳӣ навишта шудааст, бинобар ин дар он ғалатҳо буда наметавонанд. Сониян, он даркнашаванда аст, чунки беҳудудии Худоро инъикос мекунад. Мо метавонем ҳақиқатҳои бунёдии Каломро фаҳмем, аммо ҳеҷ гоҳ ҳамаи онро дарк карда наметавонем.

Бинобар ин, бо ин душвориҳо рӯ ба рӯ шуда, мо ба хулосае меоем, ки аниқтараш мушкилӣ дар камии дониши мост, на дар ноқисиҳои Навиштаи Муқаддас. Ҷойҳои душворфаҳм бояд моро водор намоянд, то Навиштаи Муқаддасро омӯзем ва ҷавобҳоро пайдо кунем. «Пӯшида доштани кор ҷалоли Худост, ва тафтиш кардани кор ҷалоли подшоҳон аст» (Мас. 25,2).

Таҳқиқотҳои боҷидду ҷаҳди таърихшиносон ва ҳафриётҳои бостоншиносон натавонистанд исбот кунанд, ки тасдиқоти Навиштаи Муқаддас дурӯғанд. Ҳар он чи душвор ва ихтилофнок метобад, маънидоди асоснок дорад, ва ин маънидод пур аз маънои рӯҳонӣ ва фоида аст.

## Б. Исои Масеҳро Марям зодааст (1,18-25)

**1,18** *Таваллуди Исои Масеҳ* аз зодашавии одамони дигаре ки дар насабнома зикр шудаанд, фарқ дошт. Мо дар он ифодаи такроршавандаеро меёбем: «А» «Б»-ро ба дунё овард. Аммо ҳоло мо сабти зодашавиро бе падари инсонӣ мебинем. Далелҳое ки ба ин ҳомилашавии муъҷизанок дахл доранд, сода ва ба таври шоиста зикр шудаанд. *Марям* номзади *Юсуф* буд, аммо тӯй ҳанӯз барпо нашуда буд. Дар замони Аҳди Нав номзадкунӣ як навъи фотиҳа буд (аммо назар ба ҳозира масъулияти бештаре дошт), ва онро танҳо бо талоқ бекор кардан мумкин буд. Агарчи ҷуфти номзадшуда то маросими ақди никоҳ ҳамроҳ намезистанд, бевафоии номзадҳо зинокорӣ ба ҳисоб мерафт ва бо қатл ҷазо дода мешуд.

Номзад буда, Марями бокира ба таври муъҷизанок аз *Рӯҳулқудс* ҳомила шуд. Фаришта дар бораи ин ҳодисаи асроромез пешакӣ ба Марям фаҳмонида буд: *«Рӯҳулқудс* бар ту хоҳад омад, ва қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя хоҳад афканд ...» (Луқ. 1,35). Абрҳои бадгумонӣ ва расвоӣ бар Марям муаллақ шуданд. То ҳол дар таърихи инсоният чунин нашуда буд, ки бокира бизояд. Вақте одамон зани бешавҳари ҳомиларо медиданд, шарҳи он танҳо якто буд.

**1,19** Ҳатто *Юсуф* ҳам ҳанӯз шарҳи ҳақиқии ҳолати Марямро намедонист. Вай бо ду сабаб метавонист бар арӯси худ хашмгин шавад: аввалан, барои бевафоии ошкоро; сониян, барои он ки вайро ҳатман дар шарикӣ айбдор мекарданд, агарчи вай дар ин кор бегуноҳ буд. Муҳаббат ба Марям ва хоҳиши рафтори одилона кардан вайро водор намуданд, то кӯшиш кунад, ки номзадиро бо талоқи пинҳонӣ бекор кунад. Вай мехост аз шармандагии кушода, ки одатан ҳамроҳи ин гуна корҳо мешуд, канораҷӯӣ кунад.

**1,20** Дар он вақте ки ин шахси олиҳиммат ва эҳтиёткор нақшаи ҳимояи Марямро дар фикр омода мекард, *Фариштаи Худованд ба вай дар хоб зоҳир шуд.* Мурочиати *«Юсуф, писари Довуд»,* бешубҳа, барои он пешбинӣ шуда буд, ки дар вай ҳисси аз нажоди подшоҳон буданашро бедор кунад ва барои омадани ғайриодии Масеҳ-Подшоҳи исроилӣ тайёр кунад. Вай набояд дар хусуси оиладоршавӣ бо *Марям* шубҳае дошта бошад. Ҳама гуна шубҳаҳо оид ба покии Марям беасос мебошанд. Ҳомиладории вай муъҷизаест, ки Рӯҳулқудс ба амал овардааст.

**1,21** Баъд фаришта ба вай ҷинс, ном ва вазифаи Кӯдаки ҳанӯз зоданашударо ошкор кард. Марям *Писар* хоҳад зоид. Ӯро бояд *Исо* номид (ки маънои он «Яҳува – наҷот» ё «Яҳува – Наҷотдиҳанда» аст). Мувофиқи Номи Худ *Ӯ қавми Худро аз гуноҳҳояшон наҷот хоҳад дод.* Ин Фарзанд Худи Яҳува буд, ки ба замин омад, то одамонро аз ҷазо барои гуноҳ, аз қудрати гуноҳ, ва дар ниҳояти кор, аз тамоми ҳузури гуноҳ наҷот диҳад.

**1,22** Вақте ки Матто ин ҳодисаҳоро тасвир мекард, вай дарк мекард, ки дар таърихи муносибатҳои Худо бо инсоният давраи наве фаро расид. Суханони пешгӯии масеҳона, ки муддати зиёд пинҳон буданд, акнун зинда шуданд. Пешгӯии асроромези Ишаъё акнун дар Кӯдаки Марям иҷро шуд: *«Ва ҳамаи ин воқеъ шуд, то ба амал ояд Каломе ки Худованд бо забони набӣ гуфтааст ...»* Матто мегӯяд, ки гуфтаҳои Ишаъё, ки Худованд ба воситаи вай қариб 700 сол пеш аз Масеҳ сухан ронда буд, илҳоми илоҳӣ доранд.

**1,23** Дар пайғамбарии Ишаъё 7,14 зодашавии беҳамто («Инак, бокирае ҳомила хоҳад шуд»), ҷинс («ва Писаре хоҳад зоид») ва номи писар («ва Ӯро Имонуил хоҳад номид») пешгӯӣ шуда буд. Матто шарҳеро илова мекунад, ки *Имонуил* маънои *«Худо бо мост»-ро* дорад. Дар ҳеҷ куҷо навишта нашудааст, ки ягон бор Масеҳро дар вақти ҳаёти заминиаш «Имонуил» номида бошанд. Ӯро ҳамеша «Исо» меномиданд. Аммо моҳияти номи *Исо* (ниг. ояти 21) ҳузури *Худоро бо мо* дар назар дорад. Шояд ин унвонест, ки асосан ҳангоми омадани дуюми Ӯ истифода хоҳад шуд.

**1,24** Ба сабаби дахолати фаришта Юсуф аз нақшаи ҷудошавӣ аз Марям даст кашид. Вай номзадиашро бо Марям то зодашавии Исо эътироф мекард, ва пас аз он вайро ба занӣ гирифт.

**1,25** Таълимот дар бораи он ки Марям то охири умр бокира монда буд, бо ақди никоҳ, ки дар ин оят зикр шудааст, рад карда мешавад. Дигар ишораҳоро дар бораи он, ки Марям дигар фарзандон аз Юсуф дошт, дар Мат. 12,46; 13,55.56; Мик. 6,3; Юҳ. 7,3.5; Аъм. 1,14; 1Қур. 9,5 ва Ғал. 1,19 пайдо мекунем.

Марямро ба занӣ гирифта, Юсуф инчунин Кӯдаки вайро чун Писари худ қабул кард. Ҳамин тавр Исо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ вориси тахти Довуд шуд. Ба гуфтаҳои фаришта итоат карда, *Юсуф* ба Кӯдак *Исо ном дод.*

Ҳамин тавр Подшоҳ-Масеҳ зода шуд. Ҷовидон ба замон дохил шуд. Пурқудрат Кӯдаки нозук шуд. Худованди ҷалол ба он ҷалол бадани инсонӣ пӯшонид, ва «дар Ӯ тамоми пуррагии Илоҳият ҷисман сокин аст» (Кул. 2,9).

## II. СОЛҲОИ ҶАВОНИИ МАСЕҲ-ПОДШОҲ (Б. 2)

### А. Донишмандон барои парастиши Подшоҳ меоянд (2,1-12)

**2,1-2** Дар тартиби таърихии ҳодисаҳое ки ҳамроҳи зодашавии Масеҳ ба амал омадаанд, сарҳисобро гум кардан осон аст. Агарчи аз ояти якум метавонад чунин тобад, ки Ҳиродус Исоро ҳангоми дар оғил дар Байт-Лаҳм будани Марям ва Юсуф куштанӣ буд, алоқаи ҳодисаҳо нишон медиҳад, ки ин як ё ду сол пас буд. Матто дар ояти 11 мегӯяд, ки донишмандон Исоро дар хона диданд. Фармони Ҳиродус дар бораи куштани ҳамаи кӯдакони то дусола (ояти 16) ҳамчунин ба он ишорат мекунад, ки фосилаи вақт баъди зодашавии Подшоҳ аниқ маълум нест.

*Ҳиродуси* Бузург аз насли Эсов ва аз ҳамин сабаб душмани анъанавии яҳудиён буд. Вай дини яҳудиро қабул кард, аммо ин асосан сабабҳои сиёсӣ дошт. *Муғон аз ҷониби шарқ* ба ҷустуҷӯи *Подшоҳи яҳудиён* дар солҳои охири подшоҳии Ҳиродус омаданд. Ин одамон, шояд, коҳинони бутпараст буданд, ки маросимҳояшон дар унсурҳои табиат марказият ёфта буданд. Азбаски онҳо бисёр чизҳоро медонистанд ва моҳирона пешгӯӣ мекарданд, подшоҳон аксар вақт онҳоро ба мушовирӣ

қабул мекарданд. Мо намедонем, ки онҳо дар куҷои шарқ мезистанд, чанд нафар буданд ва сафари онҳо чӣ қадар давом карда буд.

*Ситора дар шарқ* ба кадом як тариқае ба онҳо зодашавии *Подшоҳро* маълум намуд, *ки онҳо ба парастиши вай омаданд*. Шояд, онҳо бо пешгӯиҳои Аҳди Қадим дар бораи омадани Масеҳ шинос буданд. Ё, шояд, онҳо пешгӯии Билъомро дар бораи он ки ситорае аз Яъқуб тулуъ хоҳад намуд, медонистанд (Ад. 24,17), ва онро бо пешгӯӣ дар бораи ҳафтод ҳафтсола, ки вақти омадани якуми Масеҳро пешгӯӣ мекунад, мувофиқат кунонидаанд (Дон. 9,24.25). Аммо эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин дониш ба онҳо бо роҳи ғайритабиӣ дода шуда буд.

Шарҳҳои гуногуни илмии пайдоиши ситора пешниҳод мешуданд. Баъзеҳо, масалан, мегӯянд, ки мувофиқати сайёраҳо ба амал омад. Аммо самти ҳаракати ин ситора тамоман мунтазам набуд: он пешопеши донишмандон мерафт ва онҳоро аз Уршалим ба хонае ки Исо дар он буд, роҳнамоӣ мекард (ояти 9). Баъд он истод. Дар асл он ба дараҷае ғайриодӣ буд, ки онро танҳо муъҷиза ҳисобидан мумкин аст.

**2,3** *Вақте подшоҳ Ҳиродус шунид,* ки Кӯдаке ба дунё омад, ки бояд Подшоҳи яҳудиён шавад, *вай ба изтироб афтод*. Ҳар гуна чунин Кӯдак барои ҳукмронии бе ин ҳам ноустувори вай хатарнок буд. *Тамоми Уршалим ҳамроҳи вай* ва ташвиш афтод. Шаҳре ки мебоист ин хабарро бо хурсандӣ қабул кунад, аз ҳар чизе ки вазъияти онро халалдор карда метавонист ё боиси норозигии ҳукуматдорони манфури румӣ мешуд, ба ташвиш меафтод.

**2,4-6** Ҳиродус тамоми роҳбарони диниро ҷамъ овард, то бидонад, ки *Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд ёбад*. Саркоҳин ва писарони вай *саркоҳинон* буданд (шояд, аъзоёни дигари оилааш низ). *Китобдонони қавм* донандагони ғайридинии шариати Мусо буданд. Онҳо шариатро нигоҳ медоштанд, шариатро таълим медоданд ва дар шӯрои пирон вазифаи доваронро иҷро мекарданд. Ин коҳинон ва китобдонон дарҳол Мико 5,2-ро иқтибос оварданд, ки он ҷо маҳалли зодашавии Масеҳ *Байт-Лаҳми Яҳудия* муайян гардида буд. Матни пешгӯии Мико ин шаҳрро «Байт-Лаҳми Эфрот» меномад. Азбаски дар Фаластин якчанд шаҳр бо номи «Байт-Лаҳм» буд, ин ном ба он ишора мекард, ки ин шаҳр дар мавзеи Эфрот, дар ҳудуди сибти Яҳудо мебошад.

**2,7-8** *Подшоҳ Ҳиродус муғонро пинҳонӣ даъват намуд, то вақти пайдоиши* аввалини *ситораро фаҳмида гирад*. Ин пинҳонкорӣ мақсадҳои бераҳмонаи вайро ошкор кард: ин маълумот ба вай дар он ҳолате даркор мешуд, ки ҷои мавҷудияти Кӯдаки ҷустуҷӯ мешударо ошкор кардан нашавад. Мақсадҳои худро пинҳон карданӣ шуда, вай мунаҷҷимонро *ба ҷустуҷӯ фиристод* ва пешниҳод кард, ки вайро аз натиҷаи *кор бохабар намоянд*.

**2,9** Вақте ки мунаҷҷимон раҳсипор шуданд, *ситорае ки онҳо дар шарқ дида буданд,* боз пайдо шуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ситора на дар тамоми давоми сафари онҳо аз шарқ онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Аммо ҳоло он онҳоро ба сӯи хонае роҳнамоӣ мекард, ки *Кӯдак он ҷо буд*.

**2,10** Махсусан дар бораи хурсандии зиёди муғон зикр карда мешавад, *вақте онҳо ситораро диданд*. Ин бутпарастон Масеҳро бо ҷидду ҷаҳд меҷустанд; Ҳиродус Ӯро куштанӣ буд; коҳинон ва китобдонон бепарво буданд; халқ дар Уршалим дар ташвиш буд. Ин гуна муносибати гуногун нишонаи пешакии он буд, ки Масеҳ чӣ гуна қабул карда мешавад.

**2,11** Ба хона даромада, муғон *Кӯдакро бо модараш Марям* диданд. Онҳо *зону зада, Ӯро парастиш карданд* ва ҳадяҳои қиматбаҳо пешкаш намуданд: *тилло, лодан ва мур*. Аҳамият диҳед, ки онҳо Исоро бо модараш диданд. Одатан аввал модар зикр мешавад, ва баъд кӯдаки вай, аммо ин Кӯдак беҳамто буд, ва ба Ӯ ҷои аввал дода шудааст (ниг. инчунин оятҳои 13, 14, 20, 21). Донишмандон Исоро парастиш карданд, *на* Марям ё Юсуфро. (Дар ин порча дар бораи Юсуф чизе гуфта намешавад, пас аз чанде вай умуман аз Инҷили Матто ғайб мезанад.) Шоистаи ҳамд ва парастиши мо Исо аст, на Марям ё Юсуф.

Ганҷҳое ки мунаҷҷимон оварданд, маънои зиёде доранд. *Тилло* – рамзи илоҳият ва ҷалол аст. Он ифодагари камоли дурахшандаи Шахсияти Илоҳии Ӯст. *Лодан* – молиданӣ, ё воситаи ородиҳӣ аст; он ба накҳати ҳаёти комили бегуноҳона ишора мекунад. *Мур* – алафи талх аст; он аз азобҳои Ӯ, ки гуноҳҳои ҷаҳонро ба Худ мегирад, пешакӣ хабар медиҳад. Тақдими

ҳадяҳо аз тарафи бутпарастон – хотиррасон кардани он чизест, ки дар Ишаъё 60,6 гуфта шудааст. Ишаъё пешгӯӣ кард, ки бутпарастон бо ҳадяҳо ба назди Масеҳ хоҳанд омад, аммо танҳо тилло ва лоданро номбар кард: «...тилло ва лебӯно хоҳанд овард, ва ҳамду санои Худовандро башорат хоҳанд дод». Чаро мур зикр нагардидааст? Чунки Ишаъё дар бораи омадани дуюми Масеҳ мегуфт – бозомадани Ӯ дар қудрат ва ҷалол. Он гоҳ мур нахоҳад буд, чунки Ӯ дигар азоб нахоҳад кашид. Аммо дар Матто мур барои он зикр гардидааст, ки омадани якуми Ӯ дар назар дошта шудааст. Дар Матто мо азоби Масеҳро мебинем, дар порчаи Ишаъё – ҷалоли ояндаи Ӯро.

**2,12** Ба донишмандон *дар хоб ваҳй омад, ки ба назди Ҳиродус барнагарданд*, ва онҳо итоаткорона бо роҳи дигар ба хонаҳояшон баргаштанд. Ҳар касе ки бо дили соф бо Масеҳ вохӯрдааст, ба роҳи пештара барнамегардад. Вохӯрии ҳақиқӣ бо Ӯ тамоми зиндагиро дигаргун мекунад.

### Б. Юсуф, Марям ва Исо ба Миср мегурезанд (2,13-15)

**2,13-14** Аз худи кӯдакӣ марг таҳдидгари Худованди мо буд. Албатта, Ӯ омад, то бимирад, аммо дар вақти муайяншуда бимирад. Ҳар гуна одаме ки бо иродаи Худо мегардад, намиранда аст, то даме ки кори худро ба анҷом расонад. *Фариштаи Худо дар хоб* ба Юсуф фармуд, то бо оилааш ба Миср гурезад. Ҳиродус ба иҷрои вазифаи «ёфтан ва нобуд кардан» тайёр буд, бинобар ин оила аз ғазаби вай паноҳ меҷӯяд. Мо намедонем, ки онҳо дар Миср чӣ қадар зиндагӣ карданд, аммо баъди марги Ҳиродус роҳи бозгашт ба ватан барояшон кушода буд.

**2,15** Ҳамин тавр пешгӯии дигари Аҳди Қадим маънои нав пайдо кард. Худо *ба воситаи пайғамбар Ҳушаъ* гуфт: «... *писари Худро аз Миср даъват* намудам» (Ҳуш. 11,1). Дар ибтидо ин суханон ба халосии Исроил аз ғуломӣ дар Миср дар замони хуруҷ тааллуқ доштанд. Аммо ин гуфтаҳо метавонанд маънои дутарафа дошта бошанд: таърихи Масеҳ ҳамеша бо таърихи Исроил монанд хоҳад буд. Ин пешгӯӣ дар ҳаёти Масеҳ бо баргаштанаш аз Миср ба Исроил иҷро шуд.

Вақте ки Худованд ба замин бозмегардад, то дар ростӣ подшоҳӣ намояд, Миср яке аз кишварҳое хоҳад буд, ки ҳиссаи баракатҳоро дар Подшоҳии Ҳазорсола хоҳад дошт (Иш. 19,21-25; Саф. 3,9.10; Заб. 67,32). Чаро халқе ки ба таври анъанавӣ душмани Исроил буд, сазовори чунин эҳтиром мегардад? Шояд чун нишонаи сипосгузории Худо барои он ки ба Худованд Исо паноҳ дод?

### В. Ҳиродус кӯдаконро дар Байт-Лаҳм мекушад (2,16-18)

**2,16** Вақте ки донишмандон барнагаштанд, Ҳиродус фаҳмид, ки дар нақшаи ошкор кардани ҷои мавҷудияти Подшоҳи хурдсол *фиреб* хӯрд. Дар ғазаби девонавор вай фармуд, то *ҳамаи кӯдакони* то дусоларо *дар Байт-Лаҳм ва ҳудуди он* бикушанд. Маълумотҳо дар бораи кушташудагон гуногунанд. Як нависанда тахмин мекунад, ки бисту шаш кӯдак кушта шуд. Кушта шудани садҳо кӯдакон аз эҳтимол дур аст.

**2,17-18** *Гиряе* ки пас аз кушта шудани кӯдакон буд, иҷро шудани гуфтаҳои пайғамбар *Ирмиё* буд: «Худованд чунин мегӯяд: «Овозе дар Ромо шунида шуд, садои нола ва гиряи талх; Роҳел барои фарзандони худ гиря мекунад; барои фарзандони худ наметавонад тасаллӣ ёбад, зеро ки онҳо нестанд» (Ирм. 31,15).

Дар ин пешгӯӣ Роҳел тамоми халқи Исроилро таҷассум менамояд. Ғами халқ ба Роҳел, ки дар *Ромо* (назди Байт-Лаҳм, ки он ҷо куштори кӯдакон воқеъ шуда буд) дафн шуда буд, мансуб дониста мешавад. Ҳангоме ки волидони фарзандгумкарда аз назди қабри вай мегузаштанд, ба назарашон менамуд, ки вай ҳамроҳи онҳо *гиря мекунад*. Ҳиродус бо кӯшиши аз рақиби ҷавон халос шудан ғайр аз хотираи шармсорона дар вақоеъномаи бадномӣ ба мақсаде нарасид.

### Г. Юсуф, Марям ва Исо дар Носира сокин мешаванд (2,19-23)

**2,19-23** Баъди марги Ҳиродус Фариштаи Худованд Юсуфро дилпур намуд, ки акнун бе

ягон хавф баргаштан мумкин аст. Аммо ба замини Исроил баргашта, вай шунид, ки писари Ҳиродус – Аркилоус ба ҷои падараш дар Яҳудия подшоҳӣ мекунад. Юсуф нахост, ки ба ин вилоят баргашта, бо хатар рӯ ба рӯ шавад, бинобар ин, вақте ки хавфи вай бо *ваҳйи Худо дар хоб* тасдиқ шуд, вай ба шимол, ба *ноҳияи Ҷалил* раҳсипор шуд, ва дар *Носира* сокин шуд.

Бори чорум аст, ки дар ин боб Матто иҷро шудани пешгӯиро ёдрас мекунад. Вай ягон *пайғамбарро* номбар намекунад, аммо мегӯяд, ки мувофиқи пешгӯиҳо, Масеҳ *Носирӣ хонда хоҳад шуд*. Ягон оят дар Аҳди Қадим рӯйрост инро намегӯяд. Бисёр олимон тахмин мекунанд, ки Матто ба Ишаъё 11,1 ишора мекунад: «Ва навдае аз танаи Ишой берун хоҳад омад, ва ниҳоле аз решаҳояш сабзида, бор хоҳад овард».

Калимаи ибрие ки чун навда тарҷима мешавад – «несер» аст, аммо алоқамандӣ дар ин ҷо кам дида мешавад. Тафсири мақбултар ин аст: «носирӣ» барои номбар кардани шахсе истифода мешуд, ки сокини Носира бошад – шаҳре ки ҳама ба он бо нафрат менигаристанд. Натанъил ин муносибатро бо саволе ифода мекунад, ки зарбулмасал гаштааст: «Магар мумкин аст, ки аз Носира чизи некӯе пайдо шавад?» (Юҳ. 1,46). Нафрат ба ин шаҳри камаҳамият ба сокинони он низ дахлдор гардид. Барои ҳамин, вақте дар ояти 23 гуфта мешавад, ки *Ӯ Носирӣ номида хоҳад шуд,* ин маънои онро дорад, ки ба Ӯ ҳамчунин бо нафрат муносибат хоҳанд кард. Агарчи мо ягон пешгӯиеро намеёбем, ки Исо Носирӣ номида мешуда бошад, аммо як пешгӯе ҳаст, ки ба мо чунин мегӯяд: «Ӯ манфур буд ва радди мардум» (Иш. 53,3).

Пешгӯии дигар зикр мекунад, ки Ӯ «кирм» хоҳад буд, на одам, нанги мардум ва нафратзадаи халқ (Заб. 21,7). Аз ин бармеояд, ки агарчи пайғамбарон калимаҳои аникро истифода набурдаанд, он чиз баҳснопазир аст, ки рӯҳияи баъзе пешгӯиҳо ҳамин хел буд.

Ҳайратовар аст, ки вақте Худои тавоно ба замин омад, ба Ӯ лақаби таҳқиромез доданд. Ҳар кӣ Ӯро пайравӣ мекунад, он бартариеро дорад, ки беқадрии аз сар гузаронидаи Ӯро ба дӯш бардорад (Ибр. 13,13).

## III. ТАЙЁРӢ БА ХИЗМАТИ МАСЕҲОНА ВА ИБТИДОИ ОН (Б. 3 ва 4)

### А. Яҳёи Таъмиддиҳанда роҳро тайёр мекунад (3,1-12)

Байни бобҳои 2 ва 3 фосила 28 ё 29 сол аст, ки Матто онро зикр намекунад. Дар давоми ин муддат Исо дар Носира буд ва ба хизмати ояндаи тайёрӣ медид. Дар ин солҳо Ӯ муъҷизаҳо ба амал намеовард, аммо ҳусни таваҷҷуҳи Худоро ба даст овард (Мат. 3,17). Дар ин боб мо ба нуқтаи ибтидоии хизмати ҷамъиятии Ӯ наздик мешавем.

**3,1-2** Яҳёи Таъмиддиҳанда аз холабачааш Исо шаш моҳ калонтар буд (ниг. Луқ. 1,26.36). Вай ба арсаи таърих ҳамчун саромади Подшоҳи Исроил қадам ниҳод. Маҳалли ғайриодии тобеи вай *биёбони Яҳудо* буд – замини беҳосиле ки аз Уршалим то дарёи Урдун тӯл мекашид. Юҳанно чунин ваъз мегуфт: *«Тавба кунед, зеро Подшоҳии Худо наздик аст»*. Ба наздикӣ бояд Подшоҳе пайдо шавад, аммо Ӯ бар одамоне ки аз гуноҳҳояшон даст накашидаанд, наметавонад ва нахоҳад подшоҳӣ кард. Онҳо бояд самти роҳҳои худро дигар кунанд, дар гуноҳҳояшон иқрор шаванд ва аз онҳо даст кашанд. Худо онҳоро аз салтанати зулмот ба сӯи *Подшоҳии Осмон* даъват мекард.

---

### ПОДШОҲИИ ОСМОН

Дар ояти 2 мо бори аввал бо ибораи «Подшоҳии Осмон» (Подшоҳии Осмон) вомехӯрем, ки дар ин Инҷил 32 бор зикр мешавад. Азбаски одам бе фаҳмидани ин истилоҳ Инҷили Матторо дуруст фаҳмида наметавонад, мо ин ҷо маънидод ва тасвири инро медиҳем.

Подшоҳии Осмон доираест, ки дар он ҳукмронии Худо эътироф карда мешавад. Калимаи «осмон» барои ишора ба Худо истифода мешавад. Ин аз Дониёл 4,22 дида мешавад, ки он ҷо Дониёл мегӯяд: «Ҳаққи Таоло бар салтанати одамизод ҳукмфармост». Дар ояти оянда вай мегӯяд, ки «осмон» ҳукмронӣ мекунад. Ҳамон ҷое ки одамон ба ҳукмронии Худо итоат мекунанд, Подшоҳии Осмон аст.

Ин Подшоҳӣ ду ҷиҳат дорад. Ба маънои васеътарин он ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад,

ки Худоро Ҳокими Олӣ *эътироф мекунанд*. Ба маънои тангтар он аз онҳое иборат аст, ки аз тахти дил *ба Исо Масеҳ бовар кардаанд*. Мо инро бо ёрии ду доирае ки як марказ доранд, нишон дода метавонем.

Доираи калон – соҳаи эътироф аст; он ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки тобеони самимии Подшоҳ мебошанд, ва ҳамчунин онҳоеро дар бар мегирад, ки танҳо эҳтиром намудани қонунҳои Ӯро эътироф мекунанд. Ин аз масал дар бораи коранда (Мат. 13,3-9), донаи хардал (Мат. 13,31.32) ва хамиртуруш (Мат. 13,33) аён аст. Доираи хурд танҳо онҳоеро дар бар мегирад, ки ба воситаи имон ба Худованд Исои Масеҳ аз олами боло зода шудаанд. Подшоҳии осмон дар шакли дохилии худ танҳо барои аз боло зодашудагон дастрас аст.




Тамоми ишораҳои Навиштаи Муқаддасро дар бораи Подшоҳии Осмон як ҷо ҷамъ карда, мо метавонем тараққии таърихии онро дар панҷ марҳилаи мураттаб мушоҳида намоем.

Аввалан, ин Подшоҳӣ дар Аҳди Қадим *пешгӯӣ* шуда буд. Дониёл пешгӯӣ кард, ки Худо салтанате барпо мекунад, ки он то абад барҳам нахоҳад хӯрд ва ба қавми дигаре супурда нахоҳад шуд (Дон. 2,44). Вай инчунин омадани Исоро барои барпо намудани салтанати ҷовидонӣ бар ҷаҳон дид (Дон. 7,13.14, инчунин ниг. Ирм. 23,5.6).

Сониян, ин Подшоҳиро Яҳёи Таъмиддиҳанда, Исо ва 12 шогирдон чун *наздикшуда* ё *вуҷуддошта* пешгӯӣ карда буданд (Мат. 3,2; 4,17; 10,7). Дар Матто 12,28 Исо гуфтааст: «Лекин агар ман девҳоро бо Рӯҳи Худо берун карда бошам, пас Подшоҳии Худо ба шумо омада расидааст». Дар Луқо 17,21 Ӯ гуфта буд: «Инак, Подшоҳии Худо дар дохили шумост», яъне дар байни шумо. Ин Подшоҳӣ дар Шахсияти Подшоҳ ҳузур дошт. Чунон ки мо баъдтар нишон медиҳем, истилоҳҳои «Подшоҳии Худо» ва «Подшоҳии Осмон» ҳамдигарро иваз карда метавонанд.

Сеюм, ин Подшоҳӣ дар шакли *мобайнии* худ тасвир ёфтааст. Подшоҳи аз тарафи халқи Исроил радшуда ба осмон баргашт. Аммо, агарчи Подшоҳ ҳузур надорад, Подшоҳӣ имрӯзҳо ҳам дар дили онҳое ки ҳокимияти подшоҳии Ӯро эътироф мекунанд, вуҷуд дорад. Қоидаҳои маънавӣ ва ахлоқии Подшоҳӣ, дар якҷоягӣ бо Мавъизаи болои кӯҳ, имрӯзҳо ҳам барои мо қобили истифодаанд. Ин марҳилаи мобайнии Подшоҳӣ дар масалҳои боби 13-уми Инҷили Матто тасвир ёфтааст.

Марҳилаи чоруми ин Подшоҳиро метавон *мавҷудияти аёни* он номид. Ин Подшоҳии Ҳазорсолаи Исои Масеҳ дар замин аст, ки ҳангоми дигаргуншавии Масеҳ аён гардид, вақте ки Ӯро дар ҷалоли подшоҳии оянда диданд (Мат. 17,1-8). Исо дар Матто 8,11 ба ҳамин марҳила ишора мекард, вақте мегуфт: «...омада, дар Подшоҳии Осмон бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб хоҳанд нишаст».

Шакли панҷум ва ниҳоӣ Подшоҳии *ҷовидонӣ* хоҳад буд. Он дар 2 Петрус 1,11 чун «Подшоҳии абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ» тасвир ёфтааст.

Ибораи «Подшоҳии Осмон»-ро танҳо дар Инҷили Матто пайдо мекунем, «Подшоҳии Худо»-ро бошад дар ҳамаи чор Инҷил. Амалан дар ҳар дуи онҳо фарқе нест: дар бораи ҳар ду Подшоҳӣ ҳамон як чиз гуфта мешавад. Масалан, дар Матто 19,23 Исо гуфтааст, ки ба Подшоҳии *Осмон* даромадани сарватманд душвор аст. Ҳам Марқус (10,23), ҳам Луқо (18,24) навиштаанд, ки Исо инро дар бораи Подшоҳии *Худо* гуфтааст (ниг. ба Мат. 19,24, ки худи ҳамон афоризм бо «Подшоҳии Худо» истифода шудааст).

Мо дар боло зикр намудем, ки Подшоҳии Осмон ҷиҳатҳои дохилӣ ва берунӣ дорад. Он ки дар бораи Подшоҳии Худо низ ҳаминро гуфта метавонем, далели он аст, ки ин ду истилоҳ ба ҳамон як чиз ишорат мекунанд. Дар Подшоҳии Худо низ ҳам ҳақиқат ва ҳам дурӯғ ҳаст. Ин аз масалҳо дар бораи коранда (Луқ. 8,4-10), донаи хардал (13,18.19) ва дар бораи хамиртуруш (Луқ. 13,20.21) аён аст. Дар бобати муҳтавои дохилӣ, ҳақиқӣ бошад, ба

Подшоҳии Худо танҳо аз олами боло зодашудагон даромада метавонанд (Юҳ. 3,3.5).

Ва охирин: Подшоҳии Худо бо Ҷамоат (Калисо) як чиз нест. Ин Подшоҳӣ вақте сар шуд, ки Масеҳ ба хизмати ҷамъиятӣ сар кард. Ибтидои Ҷамоат бошад, рӯзи Пантикост аст (Аъм. 2). Ин Подшоҳӣ дар замин то дами нест карда шуданаш хоҳад буд. Ҷамоат бошад то болобурдашавӣ (аз замин гирифта шудан, вақте Исо ба замин фаромада, ҳамаи имондоронро бо Худ мегирад – 1Тас. 4,13-18). Ҷамоат ҳангоми омадани дуюми Исо бармегардад, то ҳамроҳи Ӯ чун арӯсаш ҳукмронӣ намояд. Дар замони ҳозира одамоне ки ҳақиқатан ба Подшоҳӣ тааллуқ доранд, ҳамчунин дар Ҷамоат мебошанд.

---

**3,3** Ба маънидоди боби сеюми Инҷили Матто баргашта, хотиррасон мекунем, ки хизматгузории тайёркунандаи Яҳёро пайғамбар *Ишаъё* зиёда аз 700 сол пеш пешгӯӣ карда буд:

Овозе нидо мекунад: «Дар биёбон роҳе барои Худованд тайёр кунед, тариқе барои Худои мо дар саҳро ҳамвор кунед» (40,3).

Яҳё ин *овоз* буд. Халқи Исроил ба маънои рӯҳонӣ биёбон буд – хушк ва беҳосил. Яҳё одамонро даъват мекард, ки тавба карда, гуноҳҳоро тарк карда ва роҳҳоро ба сӯи Ӯ рост карда, яъне аз ҳаёти худ ҳама чизи ба ҳукмронии пурраи Ӯ халал мерасонидаро дур карда, барои *Худованд* роҳ тайёр кунанд.

**3,4** Либоси Таъмиддиҳанда аз пашми шутур буд – на аз матои нафиси ҳозиразамон, балки аз матои дағале ки барои одами ҳамеша дар ҳавои кушод мегашта буд. Вай инчунин камарбанди чармин дар миён дошт. Ин як унсури либос буд, чунон ки дар Илёс (2Подш. 1,8); шояд вай барои он хизмат мекард, то диққати яҳудиёнро ба он ҷалб намояд, ки хизмати Яҳё ба хизмати Илёс монандӣ дошт (Мал. 4,5; Луқ. 1,7; Мат. 11,14; 17,10-12). Яҳё малах ва асали ёбоиро мехӯрд – қути лоямути одаме ки бо хизмати худ машғул буда, роҳат ва лаззатҳои ҳаётро сарфи назар мекунад.

Шояд ҳангоми вохӯрдан бо Яҳё, бо одами берун аз ҳамаи он чи одамон одатан барояш умр ба сар мебаранд, мардумро ҳисси амиқи дарки гуноҳи худ фаро мегирифт. Ба ҳақиқатҳои рӯҳонӣ ғӯтавар будани вай дигаронро водор мекард, ки бечора будани худро эҳсос кунанд. Барои ҳамасрони Яҳё, ки ба хушиҳои заминӣ ин қадар дилбаста буданд, худро инкор намудани вай таънаи тунду тезе буд.

**3,5-6** Аз Уршалим, тамоми Яҳудия ва атрофи Урдун тӯдаҳои мардум меомаданд, то суханони Яҳёро шунаванд. Баъзеҳо ба даъвати вай гӯш карда, *дар дарёи Урдун* аз вай *таъмид ёфтанд,* ва бо ин тасдиқ мекарданд, ки тайёранд ба Подшоҳи меомада содиқона хизмат кунанд.

**3,7** *Фарисиён ва саддуқиён* бошанд тамоман дигар хел рафтор мекарданд. Яҳё медид, ки онҳо барои шунидани вай меоянд, ва медонист, ки онҳо инро на аз дили соф мекунанд. Вай табиати ҳақиқии онҳоро медид: *фарисиён* изҳор мекарданд, ки шариатро пурра риоя мекунанд, аммо дар асл бадахлоқ, дурӯя, худписанд ва моили мазҳабпарастӣ буданд. *Саддуқиён* аз ҷиҳати аслу насаб ба табақаи ашрофон тааллуқ доштанд. Онҳо шаккокони динӣ буданд, ки чунин таълимоти асосиро рад мекарданд: растохези бадан, вуҷуд доштани фариштаҳо, абадзинда будани ҷон ва ҷазои ҷовидонӣ. Бинобар ин Яҳё ҳар ду равияро маҳкум мекард ва онҳоро *афъизодагон* меномид, ки барои аз *ғазаби оянда* халосӣ ёфтан риёкорӣ мекарданд, аммо ягон нишонаи тавбаи ҳақиқиро зоҳир наменамуданд.

**3,8** Вай талаб мекард, ки онҳо *самарҳои сазовори тавба* оварда, самимияти худро исбот кунанд. Тавбаи ҳақиқӣ, чунон ки Мюллер навиштааст, ҳеҷ фоида надорад, агар он андаке ашк, майли тавба ва тарси сабуке оварад. Мо бояд гуноҳҳоеро, ки аз онҳо тавба мекунем, тарк намоем, ва бо роҳҳои наву покизаи покшавӣ роҳ равем.

**3,9** Яҳудиён бояд чун рухсатнома ба осмон истифода бурдани аз насли *Иброҳим* буданй худро суиистифода накунанд. Файзи наҷот ба воситаи зодашавии табиӣ дода намешавад. Худо метавонист бо кӯшиши камтаре сангҳои соҳилҳои Урдунро ба *фарзандони Иброҳим* табдил диҳад, назар ба ин ки фарисиён ва саддуқиёнро ба назди худ оварад.

**3,10** *Теша бар решаи дарахтон гузошта шудааст* гуфта, Яҳё онро дар назар дошт, ки ба зудӣ Доварии Худо сар мешавад. Омадани Масеҳ ва дар замин будани Ӯ санҷиши ҳамаи одамон аст. Ҳар кӣ бесамар бошад, чун

дарахти беҳосиле ки *бурида ба оташ мепартоянд,* нобуд карда мешавад.

**3,11-12** Дар оятҳои 7-10 Яҳё ба саддуқиён ва фарисиён гап мезад (ниг. ояти 7), акнун бошад, аз афташ, вай ба ҳамаи ҳозирон муроҷиат мекунад, ки дар байни онҳо ҳам одамони ростқавл ва ҳам фиребгарон буданд. Вай ба онҳо мефаҳмонад, ки байни хизмати вай ва хизмати Масеҳ, ки ба зудӣ зоҳир мешавад, фарқи зиёде ҳаст. Яҳё *бо об барои тавба* таъмид медод: об ба маросим дахл дошт ва қувваи пок карданро надошт; тавба, агарчи ҳақиқӣ бошад ҳам, боиси наҷоти пурраи одам намешуд. Яҳё хизмати худро омодакунанда ва нопурра меҳисобид. Масеҳ аз Яҳё комилан бартарӣ хоҳад дошт. Ӯ *тавонотар* хоҳад буд. Кори Ӯ дурнамои васеътаре хоҳад дошт, чунки Ӯ бо *Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод.*

Таъмид бо Рӯҳулқудс аз таъмид бо оташ фарқ дорад. Якумӣ таъмиди баракат аст, дуюмӣ – таъмиди маҳкумшавӣ. Таъмиди аввал дар рӯзи Пантикост ба амал омад, таъмиди дигар дар оянда хоҳад буд. Якумӣ ба ҳамаи онҳое тааллуқ дорад, ки ҳақиқатан ба Худованд Исо бовар доранд, дуюмӣ насиби ҳамаи беимонон хоҳад буд. Якумӣ барои ҳамаи исроилиёне буд, ки таъмид барояшон зоҳиршавии берунии тавбаи дохилӣ буд; дуюмӣ ба фарисиён, саддуқиён ва ҳамаи онҳое буд, ки нишонаҳои тавбаи ҳақиқӣ надоштанд.

Баъзеҳо таълим медиҳанд, ки таъмид бо Рӯҳулқудс ва таъмид бо оташ ҳамон як чиз аст, яъне оё наметавонист таъмид бо оташ бо забонаҳои оташ, ки дар рӯзи Пантикост вақти фуруд омадани Рӯҳулқудс пайдо шуданд, муносибате дошта бошад? Дар партави ояти 12, ки он ҷо оташ бо ҷазо баробар карда мешавад, эҳтимол, муносибате надорад.

Якбора пас аз зикри таъмид бо оташ Яҳё дар бораи ҷазо гап мезанад. Худованд бо беле тасвир мешавад, ки ғаллаи кӯфташударо дар шамол бод медиҳад. *Гандум* (имондорони ҳақиқӣ) рост ба замин меафтад, ва сипас ба анбор ҷамъоварӣ карда мешавад. *Хасро* (беимононро) шамол ба як тараф мебарад, ва баъд онро ҷамъ карда, дар *оташи хомӯшнашаванда* месӯзонанд. Оташ дар ояти 12 маънои ҷазоро дорад, ва азбаски ин оятро ояти 11 тақвият медиҳад, оқилона мебуд, ки таъмид бо оташро таъмиди ҷазо ҳисобем.

**Б. Яҳё Исоро таъмид медиҳад (3,13-17)**

**3,13** Исо *аз Ҷалил* тақрибан 96 км ба сӯи поёноби *Урдун* рафт, то ки *аз Яҳё таъмид гирад.* Ин шоҳиди он аст, ки Исо ба ин маросим аҳамияти зиёд медод, ва бояд ишора намуд, ки таъмид имрӯзҳо барои пайравони Ӯ аҳамияти зиёде дорад.

**3,14-15** Ба тавба эҳтиёҷе надоштани Исоро эҳсос карда, Яҳё таъмид додани Ӯро рад мекунад. Гувоҳии дил вайро водор намуд, то пешниҳод кунад, ки аз Исо таъмид гирифтани худи вай дурусттар мебуд. Исо инро рад намекард. Ӯ танҳо хоҳиши Худро оид ба таъмид такрор кард, то ба ин васила *ҳар гуна ростӣ ба ҷо оварда шавад.* Ӯ ҳис мекард, ки ин дуруст хоҳад буд, ва Ӯ ба воситаи таъмид Худро ба он исроилиёни худотарс, ки барои таъмиди тавба меомаданд, баробар мекунад.

Аммо ин ҷо маънои чуқуртаре ҳам буд. Барои Исо таъмид маросиме буда, роҳи иҷрои ҳамаи талаботи ҳаққониеро ки Худо нисбати гуноҳи одам пешниҳод мекунад, рамзан ифода мекард. Ғӯтавар шудани Ӯ тимсоли таъмид дар обҳои ҷазои Худо дар Ҷолҷолто буд. Аз об берун шудан рамзи растохези Ӯ буд. Бо марг, дафн ва зинда шудан Ӯ талаботи адолати Худоро қонеъ мекард ва асоси росткориро таъмин мекард, ки гуноҳкорон ба воситаи он сафед шуда метавонистанд.

**3,16-17** Ҳамин ки Исо аз об баромад, *Рӯҳи Худоро дид,* ки аз осмон дар шакли *кабӯтар* фаромада *бар Ӯ қарор гирифт.* Чунон ки дар Аҳди Қадим одамон ва чизҳо барои мақсадҳои рӯҳонӣ бо равғани тадҳини муқаддас ҷудо карда мешуданд (Хур. 30,25-30), Ӯ бо Рӯҳулқудс ҳамчун Масеҳ тадҳин шуд.

Дар ин лаҳзаи муқаддас ҳамаи се Шахсияти Вахдати Сегона зоҳир шуданд. Он ҷо *Писари дӯстдошта* буд. *Рӯҳулқудс* он ҷо дар шакли кабӯтар буд. *Овози* Падар, ки ба Исо баракат медод, аз осмон шунида мешуд. Ин воқеаи хотирнишин буд, чунки аз осмон овози Худо садо медод, ки суханҳои Навиштаҳоро такрор мекард: «*Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман*» (аз Заб. 2,7), «ки *аз Ӯ хушнудам*» (аз Иш. 42,1). Ин яке аз се ҳолатест, ки Падар аз осмон гап зада, Писари ягонаи Худро ботантана муаррифӣ мекард (ҷойҳои дигар – Мат. 17,5 ва Юҳ. 12,28).

**В. Исоро шайтон меозмояд (4,1-11)**

**4,1** Метавонад ба назар аҷиб намояд, ки Исоро мебоист *Рӯҳ* барои озмоиш *мебурд*. Чаро Рӯҳ мебоист Ӯро ба ин вохӯрӣ мебурд? Ҷавоб чунин аст: ин васваса барои он даркор буд, ки муносиб будани Исо ба хизмате ки Ӯ барои он ба ин ҷаҳон омад, нишон дода шавад. Одами аввалин баъди вохӯрӣ бо ҳарифи Худ дар боғи Адан ба ҳукмронӣ нолоиқ буданашро нишон дод. Дар ин ҷо бошад Одами охирин бо иблис рӯ ба рӯ вомехӯрад ва осеб надида мебарояд.

Калимаи юноние ки «озмоиш намудан» ё «имтиҳон кардан» тарҷима мешавад, ду маъно дорад: 1) санҷидан ё тафтиш кардан (Юҳ. 6,6; 2Қур. 13,5; Ибр. 11,17) ва 2) ба бадкорӣ водор намудан. Рӯҳулқудс Исоро месанҷид, ё тафтиш мекард. Иблис бошад роҳи ба васвасаи гуноҳ андохтани Ӯро меҷуст.

Дар озмоиши Худованди мо сирри амиқе ҳаст. Ногузир саволе ба миён меояд: Оё Ӯ метавонист гуноҳ кунад? Агар «не» гӯем, пас саволи дигаре пайдо мешавад: Оё ин озмоишро ҳақиқӣ ҳисобидан мумкин аст, агар Ӯ ба он наметавонист дода шавад? Агар «ҳа» гӯем, мушкилии дигаре ба миён меояд: Чӣ гуна Худои таҷассумёфта метавонист гуноҳ кунад?

Дар хотир доштани он ки Исои Масеҳ Худост ва Худо гуноҳ карда наметавонад, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Он низ ҳақиқат аст, ки Ӯ ҳамчунин одам буд; аммо гуфтани он, ки Ӯ на ҳамчун Худо, балки ҳамчун одам гуноҳ карда метавонист, на дар асоси Навиштаи Муқаддас сохтани далелҳо мебошад. Муаллифони Аҳди Қадим якчанд бор оид ба бегуноҳии Масеҳ навиштаанд. Павлус навишта буд, ки Ӯ «аз гуноҳ бехабар буд» (2Қур. 5,21). Петрус мегӯяд, ки Ӯ «ҳеҷ гуноҳе накардааст» (1Пет. 2,22), ва Юҳанно мегӯяд, ки «дар Ӯ гуноҳе нест» (1Юҳ. 3,5).

Ба монанди мо, Исо метавонист аз берун озмоиш карда шавад: Иблис ба назди Ӯ бо пешниҳодҳое омад, ки зидди иродаи Худо буданд. Аммо, бар хилофи мо, Ӯ наметавонист аз дарун озмоиш карда шавад – дар Ӯ ҳеҷ гуна шаҳватҳо ва ё хоҳишҳои ҷисм пайдо шуда наметавонистанд. Зиёда аз ин, дар Ӯ чизе набуд, ки ба озмоиши шайтон мувофиқат кунад (Юҳ. 14,30).

Агарчи Исо гуноҳ карда наметавонист, озмоиш ҳақиқӣ буд. Ӯ метавонист бо озмоиши гуноҳ рӯ ба рӯ шавад, аммо барои Ӯ ахлоқан номумкин буд, ки гуноҳ кунад. Ӯ танҳо онро карда метавонист, ки дида буд, ки Падар мекунад (Юҳ. 5,19), ва ғайриимкон аст, ки Ӯ ягон вақт гуноҳ кардани Падарро дида бошад. Ӯ аз Худ чизе ба амал оварда наметавонист (Юҳ. 5,30), ва Падар ҳеҷ гоҳ ба Ӯ иҷозат намедод, ки ба васваса дода шавад.

Мақсади озмоиш на дар он буд, то маълум шавад, ки оё Ӯ гуноҳ мекунад ё не, балки исбот карда шавад, ки ҳатто таҳти фишори даҳшатовар ҳам Ӯ ғайр аз итоаткорӣ ба Каломи Худо чизе карда наметавонист.

Агар Исо ҳамчун одам гуноҳ карда метавонист, мо ба мушкилие дучор мешудем, ки Ӯ дар осмон бошад ҳам, ҳанӯз одам аст. Ба ҳар ҳол, оё Ӯ метавонист гуноҳ кунад? Албатта, не.

**4,2-3** *Чил шабонарӯз* рӯза гирифта, Исо *гурусна монд*. (Рақами *чил* дар Навиштаҳо дар робита бо санҷиш ё тафтиш бисёр истифода мешавад.) Ин хоҳиши табиӣ ба *озмоишкунанда* сабабро медод, ки вай онро нисбати бисёр одамон ба кор мебурд. Вай ба Исо пешниҳод кард, ки қувваи муъҷизаовари худро ба кор барад, то *сангҳои* биёбонро ба *нон* табдил диҳад. Бо суханҳои муқаддимавии *«агар Ту Писари Худо бошӣ»* иблис шубҳаеро нишон додан намехоҳад. Амалан онҳо чунин маъно доранд: «азбаски Ту Писари Худо ҳастӣ». Иблис ба суханоне ишора мекунад, ки Худо ба Исо ҳангоми таъмид гуфт: «Ин Писари дӯстдоштаи Ман аст». Ӯ чунин ибораеро истифода мебарад, ки дар забони юнонӣ ростии гуфтаҳоро ифода карда метавонад[2], ва ба воситаи ин Исоро даъват мекунад, ки қувваи Худро зоҳир созад, то гуруснагиро рафъ намояд.

Қонеъ намудани хоҳиши табиӣ ба воситаи қувваи илоҳӣ дар ҷавоби пешниҳоди иблис – беитоатии рӯйрост ба Худо аст. Фикре ки дар пешниҳоди иблис ниҳон буд, бо Ҳастӣ 3,6 ҳамоҳанг аст («барои хӯрок хуб аст»). Юҳанно ин озмоишро чун шаҳвати ҷисм ба қалам медиҳад (1Юҳ. 2,16). Мо ҳам ба ҳамин гуна озмоиш рӯ ба рӯ мешавем: зистан барои қонеъ намудани хоҳишҳои табиӣ, интихоби роҳи қулай ва осон ба ҷои ҷустани Подшоҳии Худо ва ҳақиқати он. Иблис ба мо мегӯяд: «Ту набояд зиндагӣ кунӣ, ҳамин тавр не?»

**4,4** Исо ба озмоиш бо иқтибос аз Каломи Худо *ҷавоб* дод. Намунаи Худованд моро таълим медиҳад, ки мо набояд зиндагӣ кунем, балки *бояд* ба Худо итоат намоем. Дарёфти *нон*

чизи муҳимтарини ҳаёт *нест.* Итоаткор будан *ба ҳар як калимаи Худо* муҳимтар аст. Азбаски Исо аз Падар дар хусуси ба нон табдил додани сангҳо ягон нишондоде нагирифта буд, сахт гурусна монда бошад ҳам, бо майли худ рафтор накард ва гуфтаи иблисро иҷро нанамуд.

**4,5-6** Озмоиши дуюм дар Уршалим дар боми маъбад рӯй дода буд. Иблис Исоро водор мекард, ки *Худро ба поён партояд,* то дар амал исбот кунад, ки Писари Худо аст. Боз ҳам калимаи муқаддимавии «агар» шубҳаро ифода намекунад, ва ин аз ишораи иблис ба ҳимояте ки Худо дар Забур 90,11.12 ба Масеҳ ваъда кардааст, аён аст.

Бо ин озмоиш иблис ба Исо пешниҳод мекард, ки амали ҳангомадоре карда, Худро чун Масеҳ нишон диҳад. Ӯ метавонист бе азоб ба ҷалол ноил шавад. Ӯ метавонист аз салиб барканор шавад ва бо вуҷуди ин ба тахт нишинад. Аммо ин гуна рафтор хилофи иродаи Худо буд. Юҳанно ин пешниҳоди иблисро ғурури зиндагонӣ меномад (1Юҳ. 2,16). Он «дарахти дилпазири донишафзо»-ро дар боғи Адан (Ҳас. 3,6) хотиррасон мекунад, зеро ҳам ин ва ҳам он воситаи ба даст овардани шуҳрати шахсӣ ва беэътиноӣ ба хости Худо буд. Ин озмоиш ба мо ҳамроҳи хоҳиши дар олами дин мартабаи назаррасеро соҳиб шудан меояд, бе он ки дар азобҳои Ӯ шарик бошем. Мо барои худ чизи бузургеро меҷӯем, ва баъд, чун дар пеши роҳамон душвориҳо дучор мешаванд, гурехта пинҳон мешавем. Ба хости Худо беэътиноӣ карда, мо Худоро меозмоем.

**4,7** Боз ҳам *Исо* аз Навиштаҳо иқтибос оварда, ҳуҷумро дафъ мекунад: *«Ҳамчунин навишта шудааст: Худованд Худои худро наозмой»* (ниг. Так. Шар. 6,16). Худо ваъда дод, ки Масеҳро нигоҳдорӣ кунад, аммо пеш аз ин кафолат бояд ҳаёти итоаткорона ба иродаи Худо бошад. Беитоат буда, ба ваъда талабгорӣ кардан маънои озмудани Худоро медошт. Замоне фаро мерасад, ки Исо чун Масеҳ зоҳир мешавад, аммо аввал бояд салиб бошад. Пеш аз тахт бояд қурбонгоҳ бошад. Пеш аз тоҷи ҷалол бояд тоҷ аз хор бошад. Исо бояд вақти муайянкардаи Худоро мунтазир шавад ва иродаи Худоро ба ҷо оварад.

**4,8-9** Исоро бори сеюм озмоиш карда, иблис Ӯро ба кӯҳи баланде бурд ва *ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ва ҷалоли онҳоро ба Ӯ нишон дод.* Ҳамаи инро вай дар ивази *саҷда* ваъда дод. Агарчи ин озмоиш бо саҷда, амали рӯҳонӣ, алоқаманд буд, иблис ин ҷо мекӯшид Худованди моро водор созад, ки ҳокимияти олиро ба воситаи саҷда ба вай ба даст оварад. Мукофоти эҳтимолӣ – *ҳамаи мамлакатҳо ва ҷалоли онҳо* – ба ҳаваси чашмон мансуб аст (1Юҳ. 2,16).

Ба як маъно ҳоло мамлакатҳои ҷаҳон ба иблис тааллуқ доранд. Дар бораи вай чун «худои ин дунё» гуфта шудааст (2Қур. 4,4), Юҳанно бошад ба мо мегӯяд, ки «тамоми ҷаҳон дар зери ҳукумати иблис аст» (1Юҳ. 5:19). Ҳангоме ки Исо бори дуюм чун Шоҳи шоҳон зоҳир мешавад (Ваҳй 19,16), *«мамлакатҳои* ҷаҳон» моликияти Ӯ хоҳанд шуд (Ваҳй 11,15). Исо ҷадвали Худоро вайрон накард, ва албатта, ҳеҷ гоҳ ба иблис саҷда намекард!

Барои мо ин озмоиш ду тараф дорад: нахустзодагии рӯҳонии худро ба ҷалоли даргузари ин ҷаҳон иваз кардан, ва ба ҷои Офаридгор ба офарида саҷда намудан.

**4,10** Исо бори сеюм бо истифодаи Аҳди Қадим ба озмоиш муқобилият намуд: *«Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо».* Парастиш ва хизмате ки аз ин бармеоянд, танҳо барои Худо мебошанд! Ба иблис саҷда кардан вайро Худо ҳисобидан мебуд.

Пайдарҳамии озмоишҳо, ки Матто тасвир кардааст, аз навиштаи Луқо фарқ мекунад (Луқ. 4,1-13). Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки тартиби баёнкардаи Матто бо силсилаи озмоишҳое мувофиқ аст, ки Исроил дар биёбон дучор шуда буд (Хур. 16; 17; 32). Исо бо аксуламалаш ба душвориҳо Худро пурра бар хилофи Исроил нишон дод.

**4,11** Пас аз он ки Исо озмоишҳоро бо муваффақият дафъ намуд, *иблис Ӯро вогузошт.* Озмоишҳо одатан чун мавҷҳо меоянд, на чун ҷараёни доимӣ. «Вақте ки душман мисли наҳре ба ҳуҷум ояд, нафаси Парвардигор вайро хоҳад ронд» (Иш. 59,19). Чӣ дилбардорӣ барои муқаддасони озмудашавандаи Худо!

Ба мо гуфта шудааст, ки *фариштагон омада, Ӯро парасторӣ мекарданд,* аммо ин ёрмандии фавқуттабиӣ маънидод карда намешавад. Шояд онҳо ба Исо хӯрокеро оварданд, ки вақте иблис онро пешниҳод мекард, Ӯ рад кард.

Аз озмоиши Исо мо мефаҳмем, ки иблис ба онҳое ки Рӯҳулқудс ҳидояташон мекунад, ҳуҷум карда метавонад, аммо бар онҳое ки бо Каломи Худо ба вай муқобилият мекунанд, қудрат надорад.

### Г. Исо хизмати Худро дар Ҷалил сар мекунад (4,12-17)

Матто хизмати Исоро дар Яҳудия, ки қариб як сол давом карда буд, тасвир намекунад. Ин давраи яксола дар бобҳои 14-и Инҷили Юҳанно фаро гирифта шудааст ва ба давраи байни 4,11 ва 4,12 мувофиқат мекунад. Матто моро аз озмоиш якбора ба хизмат дар Ҷалил меорад.

**4,12** Бо шунидани он *ки Яҳё дастгир шудааст,* Исо фаҳмид, ки ин аломати пешакии рад шудани Ӯ мебошад. Саромади Подшоҳро қабул накарда, одамон амалан Худи Подшоҳро ҳам рад мекарданд. Аммо Исоро ба шимол, *ба Ҷалил* на тарс ҳидоят мекард. Дар асл Ӯ рост ба маркази подшоҳии Ҳиродус равон шуд – ҳамон подшоҳе ки Яҳёро ба наздикӣ ба зиндон партофт. Ба Ҷалили бутпараст гузашта, Ӯ нишон дод, ки аз тарафи яҳудиён рад шудани Ӯ имконияти ба бутпарастон расонидани хушхабарро фароҳам меорад.

**4,13** Исо дар Носира то он вақте буд, ки сокинони ин шаҳр барои куштани Ӯ кӯшише карданд, зеро Ӯ наҷотро барои бутпарастон эълон кард (ниг. Луқ. 4,16-30). Баъд вай ба Кафарнаҳуми соҳили баҳри Ҷалил гузашт, ноҳияе ки одатан авлодони *Забулун ва Нафтолӣ* сокин буданд. Аз он вақт Кафарнаҳум маркази хизматгузории Ӯ шуд.

**4,14-16** Ба Ҷалил гузаштани Исо иҷро шудани пешгӯии *Ишаъё* (9,1.2) гардид. *Бутпарастони* ҷоҳил ва хурофотпараст, ки дар Ҷалил мезистанд, *нури бузурге* диданд, яъне Масеҳро, *Нури* ҷаҳонро.

**4,17** *Аз он вақт Исо* ҳамон чизеро таълим медод, ки Яҳё низ меомӯзонд: *«Тавба кунед, зеро ки Подшоҳии Осмон наздик омадааст».* Ин даъвати иловагие буд ба навшавии маънавӣ ҳамчун тайёрӣ ба Подшоҳии Ӯ. Подшоҳӣ ба он маънӣ наздик шуд, ки Подшоҳ аллакай ҳозир буд.

### Ғ. Исо чор моҳигирро даъват мекунад (4,18-22)

**4,18-19** Амалан дар ин ҷо Исо Петрус ва Андриёсро бори дуюм даъват кард. Дар Юҳанно 1,35-42 онҳо барои наҷот даъват шуда буданд, ин ҷо бошад Ӯ онҳоро ба хизмат даъват намуд. Даъвати якум дар Яҳудия ба амал омад, даъвати дуюм – дар Ҷалил. Петрус ва Андриёс *моҳигир* буданд, аммо Исо онҳоро даъват кард, ки *сайёди одамон* шаванд. Вазифаи онҳо аз пайи Масеҳ рафтан буд. Аз Ӯ талаб карда мешуд, ки онҳоро сайёдони моҳир кунад. Аз пайи Исо рафтани онҳо аз мушоракати табиӣ дида чизи бештареро пешбинӣ мекард. Он бояд боиси инъикоси хислати Исо мешуд, он бояд хизмати хислат мешуд. Кӣ будани онҳо аз он чи мегуфтанд ё мекарданд, муҳимтар буд. Ба монанди Петрус ва Андриёс, мо низ бояд аз озмоиши бо хушсуханӣ, шахсияти худ ё мубоҳисаҳои оқилона иваз кардани рӯҳонияти ҳақиқӣ дурӣ ҷӯем. Аз пайи Масеҳ рафта, шогирд рафтанро ба он ҷое ки моҳӣ шино мекунад, истифодаи дом, паси сар кардани душвориҳо ва нороҳатиро, пуртоқатӣ ва аз назарҳо дур буданро меомӯзад.

**4,20** Петрус ва Андриёс даъватро шуниданд ва ҳамон лаҳза ба он ҷавоб доданд. Бо имони ҳақиқӣ онҳо *тӯрҳои худро монданд.* Онҳо бо боздеҳӣ ва сарсупурдагии ҳақиқӣ ба Исо пайравӣ намуданд.

**4,21-22** Баъд даъват барои *Яъқуб ва Юҳанно* садо дод. Онҳо ҳамон замон шогирдони Ӯ шуданд. На танҳо воситаҳои рӯзгузаронӣ, балки *падари худро* низ тарк карда, онҳо эътибори Масеҳро аз ҳамаи алоқаҳои заминӣ болотар донистанд.

Ба даъвати Масеҳ итоат намуда, ин моҳигирон дар расондани Хушхабар ба олам симоҳои асосӣ шуданд. Агар онҳо тӯрҳои худро намегузоштанд, мо ҳеҷ гоҳ дар бораи онҳо намешунидем. Эътирофи ҳокимияти Масеҳ ҳама чизро дар ин олам дигаргун мекунад.

### Д. Исо ба одамони зиёде шифо мебахшад (4,23-25)

Хизмати Худованд Исо сетарафа буд: Ӯ *дар кунииштҳо* Каломи Худоро таълим медод, *Инҷили Подшоҳиро* мавъиза мекард ва беморонро *шифо мебахшид.* Мақсади ягонаи шифокориҳои муъҷизаноки Ӯ – тасдиқи шахсият ва хизмати Ӯст (Ибр. 2,3.4). Бобҳои 5 то 7 намунаи хизмати таълимдиҳии Ӯ мебошанд, бобҳои 8 ва 9 бошанд муъҷизаҳои Ӯро тасвир мекунанд.

**4,23** Дар ояти 23 бори аввал дар Аҳди Нав калимаи *«Инҷил»* зикр мешавад, ки

маънои «Хушхабар оид ба наҷот»-ро дорад. Дар ҳар давраи таърихи инсоният танҳо як Хушхабар, як роҳи наҷот буд.

---

**ХУШХАБАР**

Асоси Хушхабар дар файзи Худо мебошад (Эфс. 2,8). Ин маънои онро дорад, ки Худо ҳаёти абадиро ба одамони гуноҳкор, ки лоиқи он нестанд, ройгон медиҳад.

Хушхабар бар меҳнати Масеҳ, ки дар салиб ба ҷо овардааст, асос меёбад (1Қур. 15,1-4). Масеҳи мо ҳама он чиро, ки адолати Худо талаб мекард, иҷро намуда, ба Худо имкон дод, ки гуноҳкорони имондорро сафед кунад. Имондорони Аҳди Қадим низ ба воситаи меҳнати Исо наҷот меёфтанд, агарчи ин барои онҳо кори оянда буд. Эҳтимол онҳо дар бораи Масеҳ чизи бисёре намедонистанд, аммо Худо дар бораи Ӯ медонист, ва Ӯ арзиши меҳнати Масеҳро ба ҳисоби онҳо дохил намуд. Онҳо, чунин гӯем, ба таври «насия» наҷот ёфта буданд. Мо низ ба шарофати меҳнати Исо наҷот ёфтаем, аммо барои мо он аллакай иҷро шудааст.

Хушхабарро танҳо бо имон қабул кардан мумкин аст (Эфс. 2,8). Дар Аҳди Қадим одамон наҷот меёфтанд, агар ба ҳамаи он чи Худо ба онҳо мегӯяд, бовар мекарданд. Дар замони мо одамон ба воситаи имон ба шаҳодати Худо оид ба воситаи ягонаи наҷот будани Писараш наҷот меёбанд (1Юҳ. 5,11.12). Мақсади ниҳоии Хушхабар осмон аст. Мо ба абадият дар осмонҳо умед дорем (2Қур. 5,6-10), ҳамон тавре ки муқаддасони Аҳди Қадим умед доштанд (Ибр. 11,10.14-16).

Агарчи Хушхабар танҳо якто аст, дар замонҳои гуногун он хусусиятҳои гуногун дошт. Масалан, Хушхабари Подшоҳӣ ва Хушхабари файзи Худо чизҳои гуногунро таъкид мекунанд. Хушхабари Подшоҳӣ мегӯяд: «Тавба кунед ва Масеҳро қабул кунед, он гоҳ, вақте ки Подшоҳии Ӯ дар замин барқарор мешавад, шумо ба он ворид мешавед». Хушхабари файз мегӯяд: «Тавба кунед ва Масеҳро қабул кунед, он гоҳ шумо барои вохӯрдан бо Ӯ бурда мешавед ва ҳамеша бо Ӯ хоҳед буд». Дар асл ин ҳамон як Хушхабар аст – наҷот бо файз ба воситаи имон, аммо онҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи гуногун доранд, ки ба амалӣ гаштани мақсадҳои Худо дар замонҳои гуногун вобастаанд[3].

Ҳангоме ки Исо Хушхабари Подшоҳиро мавъиза мекард, Ӯ дар бораи чун Подшоҳи яҳудиён омадани Худ эълон мекард, ва шартҳои ба Подшоҳии Ӯ дохил шуданро мефаҳмонд. Муъҷизаҳои Ӯ табиати файзбахши ин Подшоҳиро аён карданд.

---

**4,24-25** *Овозаи Ӯ дар тамоми Сурия паҳн шуд* (дар ҳудуди шимол ва шимолу шарқ аз Исроил). *Тамоми беморон, девонагон* ва *маъюбон* ламси шифобахши Ӯро эҳсос карданд. Одамон ба назди Ӯ аз *Ҷалил, Декаполис* (иттиҳоди даҳ шаҳри бутпарастон дар шимолу шарқи Фаластин), *Уршалим, Яҳудия* ва минтақае ки дар шарқии дарёи *Урдун* буд, меомаданд. Чунон ки Б. Б. Варфилд навишта буд, «дар муддати кӯтоҳ беморӣ ва марг, эҳтимол, пурра аз ин минтақа ронда шуда буданд». Ҳайратовар нест, ки хабарҳои аз Ҷалил меомада халқро ба тааҷҷуб меоварданд!

## IV. СОХТОРИ ПОДШОҲӢ (Б. 5–7)

Дар аввали Аҳди Нав ҷойгир будани Мавъизаи болои кӯҳ тасодуфӣ нест. Ҷои он ба дараҷаи аҳамияти он далолат мекунад. Подшоҳ дар он сифатҳо ва рафторҳоеро хулоса мекард, ки аз мансубони Ӯ талаб карда мешавад.

Ин мавъиза баёни нақшаи наҷот *нест,* ва ин таълимот барои наҷотнаёфтагон намебошад. Мавъиза ба шогирдон равона карда шудааст (5,1.2) ва мебоист сарқонуне ё маҷмӯи қонунҳо ва принсипҳое мешуд, ки мансубони Ӯро дар подшоҳии Ӯ идора мекунанд. Он барои ҳамаи мансубони гузашта, ҳозира ва оянда равона шуда буд, ки Масеҳро Подшоҳ эътироф мекунанд. Вақте ки Исо дар замин буд, он бевосита ба шогирдони Ӯ дахл дошт. Ҳоло ки Худованди мо дар осмон подшоҳӣ мекунад, вай ба ҳамаи онҳое дахл дорад, ки Ӯро дар дили худ тоҷгузорӣ кардаанд. Ва, ниҳоят, он дар давраи мусибати бузург ва подшоҳии Масеҳ дар замин кодекси ахлоқи пайравони Ӯ хоҳад буд.

Мавъизаи болои кӯҳ обуранги аниқи ибрӣ дорад, ки он аз ишораҳо ба шӯро (яъне

синедрион) дар 5,22, қурбонгоҳ (5,23-24) ва Уршалим (5,35) аён аст. Аммо ба ҳар ҳол нодуруст мебуд гӯем, ки таълимоти Ӯ танҳо ба исроилиёни имондори гузашта ё оянда тааллуқ дорад, он барои тамоми асрҳо ва барои ҳамаи онҳое гуфта шудааст, ки Исои Масеҳро Подшоҳи худ эътироф мекунанд.

### А. «Хушо»-ҳо (5,1-12)

**5,1-2** Мавъиза аз «хушо»-ҳо ё баракатҳо сар мешавад. Онҳо дар бораи шаҳрвандони идеалии Подшоҳии Масеҳ тасаввурот медиҳанд. Сифатҳое ки дар ин ҷо тасвир ёфтаанд ва таҳсин карда мешаванд, ба он сифатҳое ки ҷаҳон написандад, мухолиф мебошанд. А. В. Тозер инро чунин тасвир менамояд: «Маънидоди хеле аниқи насли одамизодро ба одаме ки бо он шиносо нест, пешниҳод кардан мумкин аст, агар «хушо»-ҳоро чаппа гардонем ва гӯем: «Ин аст насли одамизод» ».

**5,3** Ин баракати якум барои касонест, ки *рӯҳан бенаво* мебошанд. Ин на ба ҳолати табиӣ, балки ба интихоби бомулоҳиза ва интизом дахл дорад. Шахсони *рӯҳан бенаво* онҳое мебошанд, ки нотавонии худро эътироф мекунанд ва ба пурқудратии Худо таваккал менамоянд. Онҳо эҳтиёҷи рӯҳонии худро эҳсос мекунанд ва пуррашавии худро дар Худованд мебинанд. Подшоҳии Осмон ба ҳамин гуна одамон тааллуқ дорад, ва дар он худбоварӣ фазилат нест ва худро бузург ҳисобидан камбудӣ ҳисобида мешавад.

**5,4** *Хушо мотамзадагон,* рӯзе фаро мерасад, ки онҳо тасалло меёбанд. Ин ғам барои пастиву баландиҳои зиндагӣ нест. Ин андӯҳест, ки одам ҳангоми мушоракат бо Худованд Исо ҳис мекунад. Вай ҳамроҳи Ӯ дард ва гуноҳи ҷаҳонро фаъолона эҳсос мекунад. Аз ин сабаб ин на танҳо андӯҳ аз ҳолати гуноҳолуди худ, балки аз ҳолати даҳшатовари ҷаҳон аст, аз он ки вай Наҷотдиҳандаро рад мекунад, ва аз он ки радкунандагони марҳамати Ӯ маҳкуми марг мебошанд. Ин мотамзадагон дар рӯзи меомада *тасаллӣ меёбанд,* ҳангоме ки «Худо ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок хоҳад кард» (Ваҳй 21,4). Имондорон танҳо дар ин ҷаҳон ғам мехӯранд, барои беимонон бошад, ғаме ки онҳо имрӯз эҳсос мекунанд, танҳо пешакӣ чашидани азобҳои ҷовидонӣ мебошад.

**5,5** Баракати сеюм ба *ҳалимон* тааллуқ дорад: *онҳо ворисн сарзамин мешаванд.* Ин одамон табиатан метавонанд ноустувор, ҳардамхаёл ва дағал бошанд. Аммо ҳангоме ки онҳо бошуурона Рӯҳи Масеҳро қабул мекунанд, *нармдил* ё фурӯтан мешаванд (бо Мат. 11,29 муқоиса кунед). Нармдилӣ қабул кардани мавқеи пасти худро дар назар дорад. Одами *нармдил* фурӯтан ва мўътадил аст, вақте ки кор ба худи вай дахл дорад, агарчи кори Худо ё одамони дигарро ҳимоя карда, вай метавонад чун шер бошад.

Нармдилон ҳозир заминро мерос намегиранд. Аниқтараш, дар замони ҳозира онҳоро нафрат ва аз мулк маҳрум шудан интизор аст. Аммо онҳо ҳатман заминро ба мерос мегиранд, ҳангоме ки Подшоҳ Масеҳ ҳазор сол бар замин дар осоиштагӣ ва гулгулшукуфӣ ҳукмронӣ мекунад.

**5,6** Сипас баракат ба *гуруснагон ва ташнагони ростӣ* эълон карда мешавад, ба онҳо серӣ ваъда шудааст. Ин одамон ташнаи *ростӣ (ҳақиқат)* дар зиндагии худ мебошанд. Онҳо хоҳиши зиёде доранд, ки ҷаҳонро боинсоф, ростқавл ва боадолат бинанд, ва онҳо барои покии амалӣ дар ҷамоат саъй мекунанд. Ба монанди одамоне ки оид ба онҳо Гамалиил Бредфорд навишта буд, онҳо «ташнагие доранд, ки ягон чашмаи заминӣ сероб карда наметавонад, ва гуруснагие доранд, ки танҳо Исои Масеҳ қонеъ карда метавонад, ё ин ки онҳо бояд бимиранд». Ин одамон дар Подшоҳииояндаи Масеҳ сер хоҳанд шуд; онҳо сер *мешаванд,* чунки адолат ҳукмронӣ хоҳад кард, ва бадахлоқӣ ҷои худро ба меъёрҳои ахлоқии баландтарин медиҳад.

**5,7** Дар Подшоҳии Худованди мо *марҳаматкунандагон хушбахтанд, зеро онҳо марҳамат меёбанд. Марҳаматкунанда будан* – ҳамдардии фаъолона доштан аст. Аз як тараф маънои он ба касе ки сазовори ҷазо аст, ҷазо надодан аст. Ба маънои васеътар ин ёрӣ додан ба онҳоест, ки ба худ ёрӣ дода наметавонанд. Худо моро аз ҷазои шоиста барои гуноҳҳоямон нигоҳ дошта, марҳамати Худро ба мо зоҳир кард ва ба воситаи меҳнати наҷотбахши Масеҳ меҳрубонии Худро зоҳир намуд. Ҳангоме ки раҳмдилӣ мекунем, мо ба Худо тақлид мекунем.

Раҳмдилон *марҳамат меёбанд.* Ин ҷо Исо раҳми наҷотдиҳандаеро дар назар надорад, ки Худо ба гуноҳкори имоноварда медиҳад; *он*

раҳм ба он вобаста нест, ки худи одам раҳмдил аст ё не, ин ҳадяи ихтиёрӣ аст, ки барои ба даст овардани он ягон шартеро иҷро кардан лозим нест. Худованд ин ҷо оид ба раҳми ҳаррӯзае сухан меронад, ки масеҳиён дар зиндагияшон муҳтоҷи онанд, ва инчунин оид ба раҳм дар он рӯзи оянда, вақте ки амали касе аллакай ба охир мерасад (1Қур. 3,12-15). Касе ки раҳмдил набуд, раҳм нахоҳад дид, яъне мукофоти вай камтар хоҳад буд.

**5,8** *Ба покдилон* боварӣ дода шудааст, ки *онҳо Худоро хоҳанд дид*. Покдил одамест, ки мақсадҳояш возеҳ, фикрҳояш покиза ва виҷдонаш пок аст. Ифодаи *онҳо Худоро мебинанд*»-ро ду хел фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, *покдилон Худоро ҳозир мебинанд,* чунки бо Ӯ ба воситаи Навиштаҳо ва дар Рӯҳ мушоракат доранд. Сониян, онҳо баъзе вақт аз Худованд рӯъёҳои фавқуттабиӣ ё хобҳо мебинанд. Сеюм, онҳо Худоро дар шахси Исо хоҳанд дид, вақте Ӯ боз меояд. Чорум, онҳо Худоро дар абадият мебинанд.

**5,9** Баракат *ба сулҳҷӯён* ваъда шудааст: *онҳо фарзандони Худо хонда мешаванд*. Аҳамият диҳед, ки Худованд дар бораи онҳое намегӯяд, ки хислати сулҳҷӯёна доранд ё сулҳро дӯст медоранд. Ӯ дар бораи одамоне мегӯяд, ки бо ҷидду ҷаҳд мекӯшанд сулҳ эҷод намоянд. Маънидоди маъмулии ин оят кӯшиши он аст, ки дахолат накарда баҳсро аз ҷои дур тамошо мекунанд. Нуқтаи назари илоҳӣ дар он аст, ки масеҳӣ дар роҳи эҷоди сулҳ қадамҳои амалӣ гузорад, ҳатто агар он боиси таҳқир ё дашном шавад ҳам.

Сулҳҷӯён *фарзандони Худо хонда мешаванд*. Ин маънои онро надорад, ки онҳо *ба ин восита* фарзандони Худо мешаванд, зеро ин танҳо ба воситаи ҳамчун Наҷотдиҳанда қабул кардани Исои Масеҳ ба амал омада метавонад (Юҳ. 1,12). Сулҳ эҷод намуда, имондорон *нишон медиҳанд,* ки онҳо *фарзандони Худо* мебошанд, ва Худо замоне онҳоро чун одамоне қабул мекунад, ки бо Ӯ монандии хешовандона доранд.

**5,10** «Хушо»-и дигар ба *таъқибшудагон* дахл дорад, аммо на барои хатоҳояшон, балки барои *роҳи ростӣ*. Подшоҳии Осмон ба он имондорон ваъда шудааст, ки барои ба ҷо овардани ростӣ ҷафо мебинанд. Бовиҷдонии онҳо ҷаҳони бехудоро ҳукм мекунад ва боиси муносибати душманона мешавад. Одамон зиндагии росткоронаро бад мебинанд, зеро он ноинсофии онҳоро ошкор мекунад.

**5,11** Метавонад чунин намояд, ки ин «хушо»-и пештараро такрор мекунад. Аммо дар он як фарқ ҳаст. Мавзӯи ояти пешина таъқиб барои росткорӣ буд, ин ҷо бошад таъқиб барои Масеҳ аст. Худованд медонист, ки ба шогирдонаш бо кина муносибат хоҳанд кард, зеро онҳо Ӯро пайравӣ намуданд ва ба Ӯ вафодор монданд. Таърих инро тасдиқ мекунад: аз худи аввал ҷаҳон пайравони Исоро таъқиб менамуд, ҳабс мекард ва мекушт.

**5,12** Азоб кашидан барои Исо – бартариест, ки барояш бояд шод шуд. Онҳое ки дар азобҳо пайрави *пайғамбарон* шудаанд, *подоши бузург* хоҳанд дошт. Нидокунандагони Худо дар Аҳди Қадим бо вуҷуди таъқибот собитқадам буданд. Ҳар касе ки ба садоқати мардонавори онҳо пайравӣ мекунад, ҳозир ва дар оянда дар баробари онҳо хурсанд ва сарафроз хоҳад буд.

«Хушо»-ҳо ба мо симои шаҳрванди идеалиро дар Подшоҳии Масеҳ тасвир мекунанд. Аҳамият диҳед, ки задаи мантиқӣ ба *ростӣ* (ояти 6), *сулҳ* (ояти 9) ва *шодмонӣ* (ояти 12) гузошта мешавад. Шояд Павлус ҳамин порчаро дар назар дошт, ҳангоме ки чунин менавишт: «Зеро ки Подшоҳии Худо аз хӯрдан ва нӯшидан иборат нест, балки росткорӣ, осоиш ва шодмонӣ дар Рӯҳулқудс аст» (Рум. 14,17).

## Б. Имондорон – намак ва нур (5,13-16)

**5,13** Исо шогирдони Худро ба *намак* монанд мекард. Барои ҷаҳон онҳо ҳамон чизе буданд, ки намак дар зиндагии ҳаррӯза аст: намак ба хӯрок лаззат медиҳад, хӯроквориро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад, ташнагиро меорад, маза медиҳад. Шогирдони Масеҳ низ ба ҷамъияти инсонӣ ҷолибият медиҳанд, чун воситаи аз вайроншавӣ нигоҳ доштан хизмат мекунанд ва дигаронро водор мекунанд, то адолатеро, ки оид ба он дар боло навишта шудааст, хоҳон бошанд.

*Агар намак қуввати худро гум кунад,* онро чӣ гуна шӯр мекунӣ? Мазаи ҳақиқӣ, табиии онро барқарор кардан имкон надорад; он дигар *ба ҳеҷ кор намеояд*. Онро берун мепартоянд, то ки одамон поймол кунанд. Тафсири Роберт Барнс ба ин порча рӯшанӣ меандозад:

*Намаке ки дар кишвари мо истифода мешавад, пайвастагии химиявӣ аст, ва агар шӯрӣ ё қувваи худро гум мекард, аз он чизе боқӣ намемонд. Дар кишварҳои Шарқ бошад намаке ки истифода мебурданд, ифлос, омехтаи зарраҳои растаниҳо ва хок буд. Аз ин сабаб вай метавонист шӯрии худро гум кунад, аммо як қисми он (намаки бемаза) боқӣ мемонд. Он ба ҳеҷ чиз кор намеомад, магар ин ки ба роҳу пайраҳаҳо резанд, чуноне ки мо сангреза мерезем.*[4]

Вазифаи бузурги шогирд *намаки замин будан* аст – ба воситаи иҷрои шартҳои шогирдӣ, ки дар «хушо»-ҳо ва дар тамоми Мавъизаи болои кӯҳ зикр шудаанд. Агар вай ҳамин ҳастии рӯҳониро нишон дода натавонад, одамон шаҳодати вайро поймол мекунанд. Ҷаҳон ба имондори бевафо танҳо нафрат дорад.

**5,14** Исо масеҳиёнро *нури ҷаҳон* меномад. Ӯ Худро нури ҷаҳон меномид (Юҳ. 8,12; 12,35.36.46). Таносуби байни ин ду ифода чунин аст: Исо манбаи нур аст, масеҳиён – инъикоси нури Ӯ. Вазифаи онҳо – нури Ӯро паҳн кардан мебошад, чунон ки моҳ ҷалоли офтоброи инъикос мекунад.

Масеҳӣ ба *шаҳре* монанд аст, *ки дар болои кӯҳ аст:* он аз ҳама чизи атроф баландтар аст, ва дар торикӣ нур меафканад. Он касе ки ҳаёташ ифодагари хусусиятҳои фарқкунандаи таълимоти Масеҳ аст, *аз назар пинҳон шуда наметавонад.*

**5,15-16** Одамон шамъро даргиронда, дар зери зарф намегузоранд. Баръакс, онро *бар шамъдон* мегузоранд, то *ба ҳама касоне* ки дар хонаанд, *рӯшноӣ диҳад.* Масеҳ онро дар назар дошт, ки мо нури Ӯро на барои худ ҷамъ мекунем, балки барои ба дигарон расонидани он. Мо бояд ба *нури* худ имкон диҳем, то чунон *битобад,* ки одамон корҳои неки моро дида, *Падари моро, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд.* Задаи мантиқӣ ба хизмати хислати масеҳиёна гузошта мешавад. Ҷолибияти ҳаёте ки дар он Масеҳ намоён аст, аз бовар кунондан бо сухан дида баландтар гувоҳӣ медиҳад.

## В. Масеҳ шариатро риоя мекунад (5,17-20)

**5,17-18** Бисёрии роҳбарони инқилобӣ ҳама гуна алоқаро бо гузашта бармекананд ва аз тартиби анъанавии мавҷуда даст мекашанд. Худованди мо Исо ин гуна нест. Ӯ шариати Мусоро тасдиқ намуд ва таъкид мекард, ки он бояд риоя карда шавад. Исо на барои вайрон кардани *Таврот ё навиштаҳои пайғамбарон,* балки барои *ба ҷо овардани* онҳо омад. Ӯ возеҳу равшан мегуфт, ки *ҳеҷ як ҳарфе* (дар асл: «Йот») *ва ё нуқтае аз Таврот аз миён намеравад,* то даме ки ҳамааш иҷро шавад. Йот ҳарфи хурдтарин дар алифбои ибрӣ аст, нуқта аломати хурдест, ки барои фарқ кунондани ҳарфе аз дигаре хизмат мекунад. Масалан, нуқтаи поёни ҳарфи ҷим онро аз ҳарфи ҳо фарқ мекунонад. Исо бовар дошт, ки Навиштаи Муқаддас калима ба калима бо илҳоми илоҳӣ навишта шудааст, ҳатто дар ҳолатҳое ки сухан дар бораи ягон ҷузъиёти ночизе мерафт. Ҳеҷ чиз дар Навиштаҳо, ҳатто хатчаи хурдтарин, бе маъно нест.

Зикр кардан муҳим аст, ки Исо нагуфт, ки шариат *ҳеҷ* аз байн намеравад. Ӯ гуфт, ки шариат аз байн намеравад, то даме ки *ҳамааш иҷро шавад.* Ин фарқ барои имондор имрӯз ҳам аҳамият дорад, ва азбаски муносибати имондор ба шариат мураккаб аст, мо мехоҳем вақт ҷудо кунем, то таълимоти Навиштаи Муқаддасро оид ба ин масъала ҷамъбаст намоем.

---

## МУНОСИБАТИ ИМОНДОР БА ШАРИАТ

Шариат маҷмӯи қонунҳост, ки Худо ба воситаи Мусо ба халқи Исроил дод. Тамоми шариат дар китобҳои Хуруҷ 20-31, Ибодат ва Такрори Шариат мавҷуд аст, агарчи ҷамъбасти он дар Даҳ фармуда дода шудааст.

Шариат ҳамчун воситаи наҷот дода нашуда буд (Аъм. 13,39; Рум. 3,20а; Ғал. 2,16.21; 3,11). Он барои ба одамон нишон додани гуноҳолуд буданашон (Рум. 3,20б; 5,20; 7,7; 1Қур. 15,56; Ғал. 3,19) ва онҳоро ба ҷустани омурзиш ва марҳамат моил намудани онҳо дода шудааст. Он ба халқи Исроил дода шуда буд бо вуҷуди ин, ки принсипҳои ахлоқиеро дар бар мегирад, ки ба тамоми одамон барои ҳамаи асрҳо нигаронида шудаанд (Рум. 2,14.15). Худо Исроилро ба воситаи шариат чун намуна барои инсоният месанҷид, ва айбдории Исроил исбот намуд, ки тамоми ҷаҳон дар пеши Худо айбдор аст (Рум. 3,19).

Шариат бо он ҷазои маргро пайваст кард (Ғал. 3,10), ва вайрон кардани яке аз фармонҳо

маънои вайрон кардани тамоми шариатро дошт (Яъқ. 2,10). Азбаски одамон шариатро вайрон карданд, онҳо дар зери лаънати марг буданд. Покӣ ва адолати Худо талаб мекард, ки ҷазо иҷро гардад. Маҳз ба ҳамин сабаб Исо ба ҷаҳон омад, то бо марги Худ музди гуноҳи инсониятро пардохт кунад. Ӯ ба ҷои вайронкунандагони шариат чун Ивазкунандаи онҳо мурд, агарчи Худи Ӯ бегуноҳ буд. Ӯ шариатро бекор накард, балки тамоми талаботи онро қабул карда, тамоми нишондодҳои қатъии онро дар зиндагӣ ва марги Худ аниқ риоя кард. Ба ҳамин тариқ, Хушхабар шариатро рад намекунад; вай онро тасдиқ мекунад ва нишон медиҳад, ки чӣ хел талаботи шариат бо қурбонии халосиовари Масеҳ пурра қонеъ карда шуданд.

Пас, касе ки ба Исо бовар дорад, дигар тобеи шариат нест, балки тобеи файз аст (Рум. 6,14). Ба шарофати қурбонии Масеҳ вай барои шариат мурдааст. Музди ҷазое ки шариат пешбинӣ мекунад, бояд танҳо як бор пардохта шавад. Ва азбаски Масеҳ музди онро *пардохтааст,* имондорро зарур нест, ки инро кунад. Ба ин маъно барои имондор шариат аллакай беэътибор шуд (2Қур. 3,7-11). Шариат то дами омадани Масеҳ роҳнамо буд; пас аз он ки наҷот ба амал омад, зарурате ба он «асокаш» нест (Ғал. 3,24.25).

Ба ҳар ҳол, ҳарчанд масеҳӣ тобеи шариат нест, ин маънои онро надорад, ки шариат барои вай вуҷуд надорад. Вай бо бандҳои қавитар аз шариат баста шудааст, чунки зери итоати шариати Масеҳ аст (1Қур. 9,21). Рафтори вай на аз боиси тарси ҷазо, балки аз боиси хоҳиши самимии хуш омадан ба Наҷотдиҳандаи худ тағйир меёбад. Масеҳ барои вай қонуни зиндагӣ шуд (Юҳ. 13,15; 15,12; Эфс. 5,1.2; 1Юҳ. 2,6; 3,16).

Аксар вақт дар бораи муносибати имондор ба шариат савол медиҳанд: «Оё Даҳ фармударо риоя кардани ман зарур аст?» Ҷавоб чунин аст: принсипҳои муайяне ки дар шариат ҳастанд, ҳамеша бамаврид мебошанд. Дуздидан, ҳасад бурдан, куштан – ҳамеша бад аст. Нӯҳ фармон аз даҳто дар Аҳди Нав бо хусусиятҳои қатъии фарқкунандаи худ такрор мешаванд: Онҳо ба халқи Худо на ҳамчун қонун (ки бо ҷазо тақвият дода шудааст), балки ҳамчун машқи парҳезгорӣ дода шудаанд (2Тим. 3,16 б). Ягона фармоне ки такрор намешавад, фармуда оид ба шанбе аст: *Ҳеҷ гоҳ* аз масеҳиён риоя намудани шанбе (яъне рӯзи ҳафтуми ҳафта) талаб карда намешавад.

Таъсири шариат барои наҷотнаёфтагон ба анҷом нарасидааст: «Лекин мо медонем, ки шариат нек аст, кас агар онро ба дурустӣ ба кор барад» (1Тим. 1,8). Истифодаи шаръии он бояд боиси эътирофи гуноҳ шавад, ва ба ин васила боиси тавба гардад. Аммо шариат на барои онҳоест, ки аллакай наҷот ёфтаанд: «... шариат на барои росткор дар миён гузошта шудааст» (1Тим. 1,9).

Росткорие ки шариат талаб мекунад, дар онҳое иҷро шудааст, ки «на аз рӯи ҷисм, балки аз рӯи Рӯҳ» зиндагӣ мекунанд (Рум. 8,4). Амалан, таълимоти Худованди мо дар Мавъизаи болои кӯҳ назар ба шариат меъёри боз ҳам баландтареро муқаррар намуд. Масалан, шариат мегӯяд: «Қатл накун». Исо гуфт: «Ҳатто нафрат накун». Ба ҳамин тариқ, Мавъизаи болои кӯҳ на танҳо шариат ва пайғамбаронро тарафдорӣ мекунад, балки маъноящонро васеътар ва мақсадҳояшонро амиқтар мефаҳмонад.

---

**5,19** Ба Мавъизаи болои кӯҳ баргашта, мо пайхас мекунем, ки Исо тамоюли табиии суст кардани фармонҳои Худоро пешакӣ ҳис мекард. Азбаски фармонҳо хусусияти Илоҳӣ доранд, дар одамон майли ба таври оқилона беэътибор кардани он, ё ин ки ба таври мантиқӣ маънидод кардани он пайдо мешавад. Аммо ҳар кӣ *яке аз ин фармудаҳои хурдтаринро вайрон кунад ва ба мардум чунин карданро таълим диҳад, вай дар Подшоҳии Осмон хурдтарин шумурда мешавад.* Боиси ҳайрат аст, ки ин гуна одамон умуман ба ин Подшоҳӣ роҳ дода мешаванд, аммо, охир, барои даромадан *ба* Подшоҳӣ имон ба Масеҳ кифоя аст. Мартабаи шахс *дар* Подшоҳӣ бо итоаткорӣ ва вафодории вай ҳангоми дар рӯи замин буданаш муайян карда мешавад. Шахсе ки ба шариати Подшоҳӣ итоат мекунад, онест, ки *дар Подшоҳии Осмон бузург хонда мешавад.*

**5,20** Барои он ки мо ба Подшоҳии Осмон дароем, росткории мо бояд аз росткории китобдонон ва фарисиён (онҳо бо маросимҳои динӣ розӣ буданд, ки онҳоро зоҳиран пок мекарданд, аммо ҳеҷ гоҳ дилҳояшонро дигаргун намекарданд). Исо муболиғаро истифода

мебарад, то нишон диҳад, ки бо росткории зоҳирӣ бе мазмуни дохилӣ мо ҳеҷ гоҳ ба Подшоҳии Осмон ворид намешавем. Ягона росткорие ки мақбули Худост, камолот аст, ки Ӯ онро ба онҳое нисбат медиҳад, ки Писари Ӯро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кардаанд (2Қур. 5,21). Албатта, он ҷое ки имони ҳақиқӣ ба Масеҳ ҳаст, росткории амалӣ низ хоҳад буд, ки онро Исои Масеҳ дар қисми боқимондаи Мавъизаи болои кӯҳ тасвир намудааст.

### Г. Исо аз хашм огоҳӣ медиҳад (5,21-26)

**5,21** Яҳудиёни замони Исо медонистанд, ки Худо қатлро (одамкуширо) манъ кардааст ва қотил бояд ҷазо дода шавад. Ин ҳатто пеш аз он ки Мусо шариатро дод, одилона буд (Ҳас. 9,6), ва дертар ин ҳақиқат ба шариат дохил карда шуд (Хур. 20,31; Так. Шар. 5,17). Бо суханони *«Аммо Ман ба шумо мегӯям»* Исо ба фармон оид ба қатл илова медарорад. Минбаъд ягон кас фахр карда наметавонист, ки ҳеҷ гоҳ одамеро накуштааст. Исо ин ҷо мегӯяд: «Дар Подшоҳии Ман дар байни шумо ҳеҷ гоҳ ҳатто фикри қатл набояд бошад». Ӯ амали куштанро то сарчашмаи он аз назар мегузаронад ва аз се намуди хашми ноодилона огоҳӣ медиҳад.

**5,22** Намуди аввал – одам *ба бародари худ беҳуда хашм мегирад.*[5] Касе ки дар ин ҷиноят айбдор карда мешавад, бояд ҷазо дода шавад, яъне *сазовори доварӣ мешавад*. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки ақидаҳои онҳо барои хашм сабаби ҷоиз ҳастанд, аммо хашм танҳо он вақт ҷоиз аст, ки шарафи Худоро ҳимоя кардан лозим аст ва ё вақте каси дигареро меранҷонанд. Аммо хашм ҷоиз нест, агар он натиҷаи ранҷиши шахсӣ бошад.

Гуноҳи таҳқир кардани бародар аз ин боз вазнинтар аст. Дар замони Исо мардум аз калимаи *аҳмақ* (истилоҳи арамӣ, ки маънояш «одами пуч» аст) истифода менамуданд, ки нафрат ва таҳқирро ифода мекард. Шахсе ки ин сифатро ба кор мебурд, *сазовори ҳукми шӯро* мешуд, яъне вай дар маҳкамаи дараҷаи олии кишвар объекти мурофиа мешуд.

Ва ниҳоят, касеро *аблаҳ* номидан – намуди сеюми хашми ноодилона аст, ки онро Исо маҳкум мекард. Ин ҷо бо калимаи *«аблаҳ»* аз кундфаҳм дида чизи бештаре дар назар дошта мешавад. Он дар бораи аблаҳи маънавӣ мегӯяд, ки бояд қатл карда шавад, ва ин хоҳиш дар худи калима ҳаст. Имрӯзҳо касе ҳайрон намешавад, вақте одамон ба якдигар чунин суханони қабеҳро мегӯянд: «Лаънати Худо бар ту бод!» Ин гуна одам аз Худо хоҳиш мекунад, ки ин касро ба дӯзах фиристад. Исо мегӯяд, ки шахсе ки ин гуна лаънатро ба забон меоварад, *сазовори оташи дӯзах мешавад.* Ҷасадҳои ҷинояткорони қатлшударо одатан ба ахлоттӯдаи доимо месӯхтаи паси Уршалим мепартофтанд, ки бо номи Водии Ҳиннӯм ё Ҷаҳаннам маълум буд. Он ба оташи дӯзах, ки ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад, ишорат мекард.

Ба қатъияти суханони Наҷотдиҳанда набояд шубҳа намуд. Ӯ таълим медиҳад, ки хашм дар худ тухми қатлро дорад, ва дар нутқи таҳқиромез рӯҳи қатл ҳаст ва суханони лаънат хоҳиши қатлро ифода мекунанд. Зиёдшавии ҷиноятҳо се дараҷаи ҷазоро талаб мекунад: *доварӣ, ҳукми шӯро ва оташи дӯзах.* Дар Подшоҳии Худ Исо нисбати гуноҳҳо мувофиқи дараҷаи ҷиноят рафтор хоҳад намуд.

**5,23-24** Агар одам касеро бо хашми худ ё бо ягон рафтори дигар ранҷонад, ба Худо ҳадя пешкаш намудани вай беҳуда аст. Худо аз вай қаноатманд нахоҳад буд. Шахси ранҷонида аввал бояд бо шахси ранҷида муносибатҳоро барқарор намояд. Танҳо он гоҳ ҳадяи вай қабул мешавад.

Агарчи ин калимаҳо барои муҳити ибрӣ навишта шудаанд, ин маънои онро надорад, ки онҳо ба замони ҳозира мувофиқ нестанд. Павлус ин принсипҳоро нисбати Шоми Худованд ба кор мебарад (ниг. ба 1Қур. 11). Худо ибодати имондорро қабул намекунад, агар вай бо бародар қаҳрӣ бошад.

**5,25-26** Ин огоҳии Исо бар зидди рӯҳи даъвогарӣ ва эътироф накардани гуноҳи худ аст. Якбора бо айбдоркунанда оштӣ кардан беҳтар аст аз он ки кор ба маҳкама оид шавад. Агар ин тавр воқеъ шавад, мо ҳатман бой медиҳем. Агарчи дар байни олимони забоншинос оид ба шахсияти одам дар ин масал баъзе ихтилофот ҳаст, асли мақсади он аниқ аст: агар ту ноҳақ бошӣ, ба иқрор шудан бишитоб ва корро ислоҳ намо. Агар ту тавба накунӣ, гуноҳи ту бо мурури замон ба худат зарар меорад ва лозим меояд, ки на танҳо зарари моддиро ҷуброн намоӣ, балки боз ҷазои иловагӣ гирӣ. Ва барои ба додгоҳ мурочиат кардан шитоб накун. Агар ту ин корро кунӣ, қонун даргири

ту хоҳад буд ва ту ҳамаашро то тангаи охирин хоҳӣ пардохт.

### Ғ. Исо зиноро маҳкум мекунад (5,27-30)

**5,27-28** Шариати Мусо талоқро манъ кардааст (Хур. 20,14; Так. Шар. 5,18). Одам метавонад бо он фахр кунад, ки ҳеҷ гоҳ ин фармонро вайрон накардааст, ва дар айни замон чашмоне дошта бошад, ки пур аз шавқи шаҳвонӣ мебошанд (2Пет. 2,14). Зоҳиран вай метавонад шахси дуруст тобад, аммо дар баробари ин ақли вай дар роҳҳои сарбастаи ифлосӣ роҳ мепаймояд. Бинобар ин Исо ба шогирдони Худ ёдрас мекунад, ки канораҷӯии одӣ аз наздикии ҷинсӣ кифоя нест, бояд покизагии ботинӣ вуҷуд дошта бошад. Шариат зиноро манъ кард, Исо хоҳиши онро манъ кард: «... *ҳар кӣ ба зане бо чашми шаҳват нигоҳ кунад, дар дили худ бо вай зино кардааст*». Е. Стенлӣ Ҷоунс маънои оятро дуруст ҳис кард, вақте навишт: «Агар ту дар бораи зино фикр мекунӣ ё зино мекунӣ, шаҳвати ҷинсиро қонеъ намекунӣ, балки ба оташ равған мерезӣ, то онро хомӯш кунӣ». Гуноҳ дар шуур пайдо мешавад, ва агар онро дар дил парварем, албатта он амалро мекунем.

**5,29-30** Барои ба ҳаёт бо фикрҳои пок ноил шудан интизоми дохилии қатъӣ даркор аст. Бинобар ин Исо гуфт, ки агар ягон қисми баданамон моро ба гуноҳ водор кунад, беҳтар он аст, ки аз ин узв дар ҳаёт маҳрум шавем, назар ба он ки ҷони худро дар абадият гум кунем. Оё мо бояд суханони Исоро айнан қабул намоем? Оё дар ҳақиқат вай тарафдори худмаҷрӯҳкунӣ буд? Ин суханонро дар ҳолати зерин бояд айнан қабул кард: агар *интихоби ногузир* байни аз даст додани ягон узв ё рӯҳ *ба миён ояд,* он гоҳ барои мо беҳтар мебуд, ки бо хурсандӣ аз ин узв ҷудо шавем. *Хушбахтона, ин гуна зарурат нест,* зеро Рӯҳулқудс ба одам қувватро барои ҳаёти муқаддасона ба сар бурдан медиҳад. Аммо, аз тарафи худ, имондор бояд ба ин ёрӣ расонад ва худро қатъиян бо-интизом намояд.

### Д. Исо талоқро маҳкум мекунад (5,31-32)

**5,31** Аз рӯи шариати Аҳди Қадим, талоқ танҳо мувофиқи Такрори Шариат 24,1-4 мумкин буд. Ин порча ба ҳолате дахл надорад, ки зан зинокор аст (зино бо қатл ҷазо дода мешуд, ниг. ба Так. Шар. 22,22). Аниқтараш, он дар бораи талоқ ба сабаби набудани муҳаббат ё номувофиқат сухан меронад.

**5,32** Аммо дар Подшоҳии Масеҳ ҳар кӣ аз зани худ, ғайр аз айби зино, ҷудо шавад, боиси зинокории вай мегардад. Ин маънои онро надорад, ки вай ба таври автоматӣ зинокор мешавад. Он чиз дар назар аст, ки бе воситаи рӯзгузаронӣ монда, вай маҷбур мешавад бо марди дигар зиндагӣ кунад. Бо ин кор вай зинокор мешавад. На танҳо собиқ зан зинокор мешавад, балки ҳар кӣ зани талоқшударо гирад, зино мекунад.

Талоқ ва оиладоршавии дубора яке аз мавзуъҳои душвортарин дар Навиштаи Муқаддас аст. Ба ҳамаи саволҳои пайдомешуда ҷавоб додан амалан номумкин аст, аммо мушоҳида ва ҷамъбаст намудани он чи Навиштаҳо ба мо меомӯзад, фоиданок хоҳад буд.

---

## ТАЛОҚ ВА ОИЛАДОРШАВИИ ДУБОРА

Худо ҳеҷ гоҳ талоқро барои одам ба нақша нагирифта буд. Ӯ мехост, ки як мард ва як зан то он даме дар никоҳ бошанд, ки марг онҳоро аз ҳам ҷудо кунад (Рум. 7,2.3). Исо инро ба фарисиён бо ишора ба тартиби илоҳӣ дар ибтидои офариниш ошкор намуд (Мат. 19,4-6).

Худо аз талоқ нафрат дорад (Мал. 2,16), яъне аз талоқе ки на аз рӯи Навиштаҳо аст. На ин ки Ӯ талоқро умуман бад медида бошад, чунки Ӯ Худаш мегӯяд, ки бо Исроил дар талоқ аст (Ирм. 3,8). Аммо ин аз он сабаб рӯй дод, ки халқ Ӯро тарк кард, то ки ба бутҳо саҷда намояд. Исроил вафодориро нигоҳ надошт.

Дар Матто 5,31.32 ва 19,9 Исо таълим медиҳад, ки талоқ манъ аст, ба истиснои ҳолате ки яке аз ҳамсарон дар хиёнат айбдор аст. Дар Марқус 10,11.12 ва Луқо 16,18 истисно зикр намешавад.

Ин зиддият бо ин тавзеҳ дода шудааст, ки, эҳтимол, ин гуфтаҳоро на Марқус пурра сабт кардааст ва на Луқо. Пас, агарчи талоқ ҳалли беҳтарини масъала нест, дар ҳолати хиёнати яке аз ҳамсарон он иҷозат дода мешавад. Исо дар ин ҳолат талоқро *иҷозат медиҳад,* аммо Ӯ инро *фармон намедиҳад.*

Баъзе илоҳиётшиносон 1Қуринтиён 7,12-16-ро ҳамчун таълимот дар бораи он ҳолате меҳисобанд, ки ҳамсари беимон ҳамсари имондорро тарк мекунад. Павлус мегӯяд, ки ҳамсари таркшуда дар ин ҳолат пойбанд нест, яъне ихтиёр дорад, ки никоҳро бекор кунад (барои ҷудошавӣ). Ба ақидаи муаллифи ин асар, ин ҳолат ҳамон гуна истисноест, ки дар Матто (5 ва 19) иҷозат дода шудааст, яъне ҳамсари беимон меравад, то бо каси дигар зиндагӣ кунад. Пас, ҳамсари имондор метавонад дар асоси рӯҳонӣ никоҳро танҳо дар он ҳолате бекор кунад, ки ҳамсараш зино кунад.

Аксаран таъкид мекунанд, ки агарчи дар Аҳди Нав талоқ иҷозат дода шудааст, дар бораи оиладоршавии дубора сухан намеравад. Аммо ин далел асос надорад. Дар Аҳди Нав оиладоршавии дубора на барои тарафи бегуноҳ маҳкум карда мешавад, балки танҳо барои тарафи гуноҳкор. Зиёда аз ин, Навиштаҳо оиладоршавии дубораро иҷозат медиҳад, чунки ин мақсади асосии талоқ аст, вагарна ҷудошавии амалӣ (бе талоқи қонунӣ) низ ба мақсад мерасонид.

Дар ҳама гуна баҳс оид ба ин масъала саволе ба миён меояд: «Дар хусуси онҳое ки то масеҳӣ шудан ҷудо шудаанд, чӣ бояд кард?» Бешубҳа, талоқи ғайриқонунӣ ва оиладоршавии дубора, ки то имондор шудан ҷой доштанд, гуноҳи пурра бахшидашуда мебошанд (ниг. мас., 1Қур. 6,11, ки он ҷо Павлус зиноро ба қатори гуноҳҳое дохил мекунад, ки имондорони Қуринтус пештар дар он иштирок доштанд). Гуноҳҳои пеш аз бовар кардан содиршуда имондоронро аз ҳуқуқи узвияти ҷамоати маҳаллӣ маҳрум намекунанд.

Масъалаи душвортар оид ба масеҳиёнест, ки на аз рӯи Навиштаҳо ҷудо шудаанд ва дубора оиладор шудаанд. Оё онҳоро боз ба узвияти ҷамоати маҳаллӣ қабул кардан мумкин аст? Ҷавоб ба он вобаста аст, ки зино амали якдафъаинаи наздикии ҷинсӣ буд ё доимист. Агар ин одамон дар зино зиндагӣ кунанд, пас онҳо бояд на танҳо иқрор шаванд, балки он ҳамхоберо, ки ҳоло доранд, тарк кунанд. Аммо ҳалли илоҳии масъала ҳеҷ гоҳ онро мушкилтар намегардонад. Агар барои ҳалли масъалаи чигили оилавӣ мардҳо ва занҳо ба гуноҳ дода шаванд ё занҳо ва кӯдакон бе хона ва бе воситаи рӯзгузаронӣ монанд, пас муолиҷа аз бемори хеле бадтар аст.

Ба ақидаи муаллиф, масеҳиёне ки на аз рӯи Навиштаҳо ҷудо шуда, сипас дубора оиладор шудаанд, метавонанд аз гуноҳи худ самимона тавба кунанд ва дар назди Худованд ва бародарии ҷамоат барқарор карда шаванд. Ҳар як ҳолати талоқ хусусиятҳои худро дорад. Бинобар ин пирони ҷамоати маҳаллӣ бояд ҳар як ҳолати алоҳидаро дида бароянд ва мувофиқи Каломи Худо муҳокима ронанд. Агар баъзан ҷазои интизомӣ ба кор бурдан лозим бошад, ҳамаи шахсони дахлдор бояд ба қарори пирон итоат намоянд.

---

### Е. Исо қасамро маҳкум мекунад (5,33-37)

**5,33-36** Дар шариати Мусо якчанд манъҳое ҳастанд, ки ба қасамҳои *бардурӯғ* ба номи Худо дахл доранд (Иб. 19,12; Ад. 30,2; Так. Шар. 23,21). Ба номи Худо қасам хӯрдан маънои онро дошт, ки шахс Ӯро ба шоҳидии рост будани сухани худ даъват мекунад. Барои канораҷӯӣ аз беҳурматӣ дар қасам ба номи Худо, яҳудиён ба *осмон, замин, Уршалим ё сари худ* қасам мехӯрданд.

Исо ин гуна тоб додани шариатро ҳамчун риёкории ошкор маҳкум мекунад, ва дар гуфтугӯи одӣ қасам хӯрдан ва дар қасам зикр кардани номи Худоро манъ мекунад. Кӯшиши канораҷӯӣ аз қасам ба номи Худо бо иваз намудани он бо исми дигар на танҳо риёкорона, балки беҳуда аст. Қасам бо *осмон* – бо *тахти Худо* қасам хӯрдан аст. Қасам бо *замин* – бо *пойандози Ӯ* қасам хӯрдан аст. Қасам бо *Уршалим* – ба номи шаҳри подшоҳии бузург қасам хӯрдан аст. Ҳатто қасам бо *сари худ* ба Худо дахлдор аст, чунки Ӯ Офаридгори ҳама чиз аст.

**5,37** Барои масеҳӣ зарурате нест, ки қасам хӯрад. «Ҳа» гуфтани вай бояд «ҳа», ва «не» гуфтанаш бояд «не» бошад. Истифодаи забони қавитар эътироф намудани он аст, ки иблиси *маккор* ҳаёти моро идора мекунад. Ягон вазъияте нест, ки дурӯғро дар забони шахси масеҳӣ сафед кунад.

Ин порча ҳамчунин хира намудани ҳақиқат ё ҳилагариро манъ мекунад. Аммо он қасам хӯрданро дар додгоҳ манъ намекунад. Худи Исо дар назди саркоҳин бо қасам шаҳодат дода буд (Мат. 26,63.64).

Павлус ҳамчунин аз қасам истифода мебурд, то Худоро дар айни ҳақиқат будани навиштаҳояш ба шоҳидӣ даъват намояд (2Қур. 1,23; Ғал. 1,20).

### Ё. Тай кардани фарсанги дуюм (5,38-42)

**5,38** Шариат мегӯяд: чашм дар ивази чашм, дандон ба ивази дандон (Хур. 21,24; Иб. 24,20; Так. Шар. 19,21). Ин фармони ҷазо додан ва ҳам маҳдуд намудани ҷазо буд – ҷазо набояд аз ҷиноят зиёдтар бошад. Аммо, мувофиқи Аҳди Қадим, қудрат барои ҷазодиҳӣ дар дасти роҳбарон буд, *на* дар дасти шахси алоҳида.

**5,39-41** Исо қасосро комилан барҳам дода, аз шариат пештар, ба сӯи росткории олитар рафт. Ӯ ба шогирдонаш нишон дод, ки чунон ки дар вақташ мувофиқи шариат қасос иҷозат дода шуда буд, акнун зиддият накардан ба шарофати файзи Исо имконпазир шуд. Исо ба одами бад *муқобилат накарданро* ба шогирдонаш таълим медод. Агар касе ба як *рухсораи* онҳо торсакӣ занад, онҳо бояд рухсораи *дигарашонро* ба сӯи вай мегардонданд. Агар касе бо онҳо даъво карда, *куртаашонро* гирифтанӣ мешуд, онҳо мебоист *ҷомаи* худро (либосе ки шабона онро ба болои худ мепӯшиданд) низ ба вай медоданд. Агар сардор онҳоро маҷбур кунад, ки борашро як фарсанг баранд, онҳо мебоист онро ихтиёран ду фарсанг мебурданд.

**5,42** Ҳукми охирини Исо дар ин қисм ба мо имрӯзҳо аз ҳама ноуҳдабароёна метобад. *Ба касе ки аз ту чизе хоҳиш кунад, бидеҳ, аз касе ки аз ту қарз хоҳад, рӯ нагардон.* Гирифтории мо ба неъматҳои моддӣ ва моликият аз шунидани он ки чизи ба даст овардаамонро бояд бидиҳем, моро ба даҳшат меорад. Аммо агар мо мехостем, ки диққати худро ба ганҷҳои осмонӣ нигаронида, танҳо бо хӯрок ва пӯшоки зарурӣ қаноат кунем, он гоҳ ин калимаҳоро айнан ва бе маҷбурият қабул мекардем. Гуфтаи Исо дар назар дорад, ки одами ёрӣ металабида ҳақиқатан муҳтоҷ аст. Ва азбаски фаҳмидани он имкон надорад, ки эҳтиёҷ ҳақиқӣ аст ё не, пас (чунон ки касе гуфтааст) «ба бист муҳтоҷи ҳилагар ёрӣ додан беҳтар аст, назар ба ин ки хатари аз як муҳтоҷи ҳақиқӣ рӯй гардондан ба миён ояд».

Ҳамчун инсон муҳокима ронда, чунон ки Худо моро дар ин ҷо даъват мекунад, рафтор намудан ғайриимкон аст.Танҳо шахсе ки Рӯҳулқудс вайро ҳидоят мекунад, ҳаёти фидокорона ба сар бурда метавонад. Имондор ба таҳқир (ояти 39), беадолатӣ (ояти 40) ва нороҳатиҳо (ояти 41) танҳо дар он ҳолате бо муҳаббат ҷавоб дода метавонад, ки Наҷотдиҳанда имкони дар ин шахс зистанро дошта бошад. Ин «Хушхабари фарсанги дуюм» аст.

### Ж. Душманони худро дӯст бидоред (5,43-48)

**5,43** Мисоли охирини Худованди мо дар бораи росткории олитар, ки дар Подшоҳии Ӯ даркор аст, ба муносибат бо душманон дахл дорад: мавзуе ки ба таври табиӣ аз порчаи пештара бармеояд. Шариат исроилиёнро таълим медод, ки *ёри* худро дӯст доранд (Иб. 19,18). Агарчи ба онҳо ҳеҷ гоҳ ба таври мушаххас ҳукм нафармуда буданд, ки *аз душманони худ нафрат кунанд,* рӯҳи бадбинӣ ба дараҷаи назаррас дар худи таълимот ҷойгир буд. Ин нуқтаи назари умумиятёфтаи Аҳди Қадим ба онҳое буд, ки халқи Худоро таъқиб мекарданд (Заб. 138,21.22). Ин душмании барҳақ буд бар душманони Худо.

**5,44-47** Аммо акнун Исо эълон менамояд, ки мо бояд *душманонамонро дӯст дорем,* ва *барои таъқибкунандагонамон дуо гӯем.* Он ҳақиқат, ки ба мо *дӯст доштан* фармуда мешавад, маънои онро дорад, ки муҳаббат амали ирода аст, на танҳо аз ҳиссиёт. Он бо дилбастагии табиӣ як нест, зеро дӯст доштани ононе ки аз мо нафрат доранд ва ба мо бадӣ мекунанд, ғайритабиӣ аст. Ин файзи фавқуттабиӣ аст, ва онро танҳо онҳое зоҳир карда метавонанд, ки дар худ ҳаёти илоҳиро доранд.

Агар мо *дӯстдоронамонро* дӯст медошта бошем, барои ин ба мо мукофоте нест. Исо гуфт, ки ҳатто *боҷгирон*[6] инро мекунанд! Ин гуна муҳаббат қувваи илоҳиро надорад. Ва дар он неккирдорӣ нест, агар мо *танҳо ба бародарони*[7] худ, яъне ба хешовандону дӯстонамон салом гӯем. Наҷотнаёфта низ ҳамин гуна рафтор карда метавонад: дар ин ҳеҷ чизи махсуси масеҳӣ нест. Агар меъёрҳоямон аз меъёрҳои ҷаҳон баландтар набошанд, бешубҳа, мо ба ин ҷаҳон таъсир нахоҳем кард.

Исо гуфт, ки пайравони Ӯ бояд ба бадӣ бо некӣ ҷавоб диҳанд, то ки *фарзандони Падари Осмониашон* бошанд. Ӯ нагуфтааст, ки ҳамин тавр мо фарзандони Худо *мешавем,* балки ин тавр мо *нишон медиҳем,* ки фарзандони Худо ҳастем. Азбаски Худо на *бадон* ва на *неконро* афзал медонад *(офтоб* ва *борон* ҳам ба инҳо ва ҳам ба онҳо хизмат мекунанд), мо низ бояд ба ҳама шарофатмандона ва боилтифот муносибат намоем.

**5,48** Исо ин фикрро бо хотиррасон кардан ба охир мерасонад: «Пас, комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст, комил аст. Калимаи «комил»-ро дар партави матн дидан лозим аст. Он маънои «бегуноҳ» ё «бе камбудӣ»-ро надорад. Оятҳои пештара тавзеҳ медиҳанд, ки комил будан – дӯст доштани нафраткунандагони мо, дуо барои озордиҳандагони мо ва меҳрубонӣ ҳам ба дӯст ва ҳам ба душман аст. Комил будан дар ин ҷо – болоғати рӯҳонист, ки ба масеҳӣ имкони ба Худо монанд буданро дар расонидани баракатҳо ба ҳама медиҳад.

### З. Аз таҳти дил диҳед (6,1-4)

**6,1** Дар ин боб Исо дар бораи се соҳаи махсуси росткории амалӣ дар ҳаёти одамони алоҳида сухан меронад: амалҳои садақа (оятҳои 1-4), дуо (5-15) ва рӯза (16-18). Калимаи *«Падар»* дар дар ин 18 оят даҳ бор вомехӯрад ва ҳамчун калид барои фаҳмидани онҳо хизмат мекунад. Корҳои амалии росткориро барои он бояд ба амал овард, ки онҳоро Ӯ биписандад, на одамон.

Исо ин қисми мавъизаи Худро бо огоҳкунӣ аз васвасаи намоиш додани худотарсии худ сар мекунад, яъне чунон *садақа додан,* ки мардум моро бинанд. Ӯ на худи амалро, балки омили водоркунандаи онро маҳкум мекунад. Агар омили водоркунанда ҷалб кардани диққати мардум бошад, пас ин мукофоти ягонаи мо хоҳад буд, зеро Худо барои риёкорӣ мукофот намедиҳад.

**6,2** Он қадар имконпазир наменамояд, ки риёкорон бо ғавғо хайрияҳои худро дар *куништҳо* (ибодатхонаҳо) ба амал оварда ё дар кӯчаҳо ба гадоён садақа дода, диққатро ба худ ҷалб карда метавонистанд. Худованд рафтори онҳоро бо мулоҳизаи кӯтоҳе маҳкум намуд: *«Онҳо подоши худро гирифтаанд»* (яъне мукофоти ягонаи онҳо – обрӯест, ки дар ҳаёти заминӣ ба даст овардаанд).

**6,3-4** Вақте ки пайрави Масеҳ *садақа медиҳад,* бояд онро *пинҳонӣ* кунад. Ба дараҷае пинҳонӣ, ки Исо ба шогирдонаш гуфт: «Бигзор дасти чапат аз он чи дасти ростат мекунад, хабардор нашавад». Исо дар нутқаш ин ифодаи пуробурангро истифода мебарад, то нишон диҳад, ки мо бояд садақаҳои худро *ба Падар* диҳем, на барои ба даст овардани шуҳрат.

Ин порчаро набояд барои манъ кардани ҳар гуна ҳадяе ки одамон дида метавонанд, истифода барем, зеро амалан имкон надорад, ки ҳамаи садақаҳои худро пурра беном (пинҳонӣ) ба амал оварем. Масеҳ фақат намоиши ҳангомадори садақадиҳиро манъ мекунад.

### И. Аз таҳти дил дуо кунед (6,5-8)

**6,5** Сипас Исо шогирдонашро аз он огоҳӣ медиҳад, ки *вақти дуо гуфтан* риёкорӣ накунанд. Онҳо набояд дар ҷойҳои серодам бо ваҷоҳати махсус дуо гӯянд, то мардум дуояшонро бубинанд ё аз худотарсии онҳо ба ҳайрат афтанд. Агар майл ба шуҳрат – омили ягонаи водоркунандаи дуо бошад, пас, чунон ки Исо эълон мекунад, шуҳрати бадастомада *подоши* ягонаи онҳост.

**6,6** Дар оятҳои 5 ва 7 ҷонишини юноние ки «ту» тарҷима шудааст, дар шакли ҷамъ аст. Аммо дар ояти 6 барои тақвияти мушоракати шахсӣ бо Худо он дар шумораи танҳо дода шудааст. Калиди ҷавоб ба дуо дар он аст, ки бояд пинҳонӣ дуо кард (яъне *ба ҳуҷраи худ даро ва дарро баста, ба Падари худ, ки ниҳон аст, дуо гӯй).* Агар мақсади аслии мо дуоямонро шунидани Худо бошад, Ӯ мешунавад ва ҷавоб медиҳад.

Агар мо ин порчаро барои манъи дуо дар байни омма истифода бурданӣ бошем, пас бояд матнро бо диққат хонем. Ҷамоати ибтидоӣ барои дуои якҷоя ҷамъ мешуд (Аъм. 2,42; 12,12; 13,3; 14,23; 20,36). Муҳим на он аст, ки мо *дар куҷо* ҷамъ мешавем. Муҳимтар он аст, ки *барои чӣ* мо дуо мекунем: то ки моро одамон бинанд ё моро Худо шунавад.

**6,7** Дуо набояд аз такрорҳои барзиёд *(пургӯӣ)* иборат бошад, яъне маҷмӯи ҷумлаҳо ё ибораҳои пуч. Наҷотнаёфтагон ин гуна дуо мекунанд, аммо пургӯӣ Худоро мутаассир

намекунад. Ӯ суханони самимиро, ки аз дил бармеоянд, шунидан мехоҳад.

**6,8** Агар Падари мо *тамоми эҳтиёҷоти* моро, *пеш аз он ки хоҳиш кунем, медонад,* пас саволе ба миён меояд: «Умуман барои чӣ дуо кардан лозим аст?» Далел чунин аст: дар дуо мо ба Худо вобаста буданамонро ва эҳтиёҷамонро эътироф мекунем. Он асоси алоқаи мо бо Худост. Ва Худо дар ҷавоби дуо он кореро мекунад, ки дар ҳолати дигар намекард (Яъқ. 4,2).

## Й. Исо намунаи дуоро медиҳад (6,9-15)

**6,9** Дар оятҳои 9-13 мо он чизеро мехонем, ки одатан «дуои Худованд» меноманд. Ин номро истифода бурда, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Худи Исо ин гуна дуо намекард. Он ба шогирдон ҳамчун намуна дода шудааст, то дуоҳои худро ба монанди он тартиб диҳанд. Он на ҳамчун маҷмӯи ҳатмии калимаҳо дода шуда буд, ки мебоист ба кор мебурданд (ояти 7, аз афташ, инро инкор мекунад), чунки калимаҳои зиёди азёдкарда ба ифодаҳои берӯҳ табдил ёфта метавонанд.

*Эй Падари мо, ки дар осмон ҳастӣ!* Дуо бояд ба Худо Падар бо эътирофи ҳокимияти олии Ӯ бар тамоми олам равона карда шавад.

*Номи Ту муқаддас бод.* Мо бояд дуои худро бо парастиш сар кунем, ва ҳамду саноро ба Оне ки сазовор аст, арз намоем.

**6,10** *Подшоҳии Ту биёяд.* Парастиш намуда, мо бояд хоҳиш кунем, ки кори Худо вусъат ёбад, яъне мақсадҳои Ӯро ба мадди аввал гузорем. Хусусан барои он рӯз бояд дуо кунем, ки Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ ҳукмронии Худро бар замин барқарор намуда, аз рӯи ростӣ ҳукм хоҳад ронд.

*Хости Ту ба амал ояд.* Дар ин хоҳиш мо эътироф мекунем, ки Худо медонад, ки чӣ барои мо беҳтар аст, ва мо хости худро ба хости Ӯ тобеъ мекунем. Ин ҷо инчунин хоҳише ифода карда мешавад, ки хости Ӯро дар тамоми олам эътироф намоянд.

*Чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд.* Ин ифода ба се хоҳиши пештара муносиб аст. Саҷда ба Худо, роҳбарии илоҳӣ ва иҷроиши иродаи Ӯ – ҳамаи ин ҳақиқатҳое мебошанд, ки дар осмонанд. Ин дуоест барои он ки ин шароитҳо *дар замин* низ амалӣ гашта тавонанд, чунон ки *дар осмон* вуҷуд доранд.

**6,11** *Нони ҳаррӯзаи моро имрӯз ба мо деҳ.* Пас аз он ки мо мақсадҳои Худоро дар мадди аввал гузоштем, ба мо иҷозат дода мешавад, ки эҳтиёҷоти шахсиамонро пешниҳод намоем. Ин хоҳишҳо онро ифода мекунанд, ки мо ҳам дар ризқу рӯзии ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонӣ ба Худо вобаста ҳастем.

**6,12** *Ва гуноҳҳои моро бубахш, чунон ки мо низ ба* онҳое ки ба мо гуноҳ кардаанд, *мебахшем.* Ин ҷо дар бораи бахшидани қонунии ҷазои гуноҳ сухан намеравад (ин гуна бахшиш ба воситаи имон ба Писари Худо ба даст меоянд). Аниқтараш, ин ҷо гап дар бораи бахшидани волидона аст, ки агар мо муносибатҳои худро бо Падари Осмонӣ нигоҳ доштан хоҳем, ба мо даркор аст. Агар имондорон озордиҳандагони худро бахшидан нахоҳанд, пас чӣ гуна умеди мушоракат бо Падари Осмонӣ доранд, ки гуноҳҳои онҳоро бахшид, агарчи сазовори он набуданд?

**6,13** *Ва моро ба озмоиш дучор накун.* Шояд чунин намояд, ки ин хоҳиш ба Яъқуб 1,13 мухолиф аст. Он ҷо гуфта мешавад, ки Худо ҳеҷ гоҳ касеро ба озмоиш дучор намекунад. Аммо Худо вомегузорад, ки халқаш тафтиш ва озмоиш карда шавад. Ин хоҳиш ифодагари нобоварии солим дар муқобилат карда тавонистан ба озмоиш ва истодагарӣ карда тавонистан ба озмоиш аст. Он вобастагии пурраро ба ҳимояи Худо ифода мекунад.

*Балки моро аз шарир раҳоӣ деҳ.* Ин дуои онҳоест, ки аз тахти дил мехоҳанд, то Худо онҳоро бо қувваи Худ аз гуноҳ нигоҳ дорад. Ин фарёди дил оид ба наҷоти ҳаррӯза аз қувваи гуноҳ ва иблис дар ҳаёт аст.

*Зеро ки Подшоҳӣ ва қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин.* Ҷумлаи охирин на дар ҳама, вале дар аксари дастнависҳои Инҷил ҳаст.[8] Он анҷоми олидараҷаи дуо аст ва чунон ки Ҷон Калвин менависад, он бояд «на танҳо дилҳои моро гарм кунад ва ба ҳамду сано водор намояд, балки инчунин ба дилҳои мо гӯяд, ки тамоми дуоҳои мо ғайр аз Худо асоси дигаре надоранд».

**6,14-15** Ин оятҳо тавзеҳот барои ояти 12 мебошанд. Ин на қисми дуо, балки илова аст ва онро таъкид менамояд, ки бахшидани Падарона, ки дар ояти 12 оид ба он сухан меравад, шартӣ аст.

### Й. Исо тарзи рӯза гирифтанро таълим медиҳад (6,16-18)

**6,16** Шакли сеюми риёкории динӣ, ки Исо онро маҳкум мекунад, қиёфаи худро барои намоиш додани *рӯзадорӣ* дигаргун кардан аст. *Дурӯягон,* вақте ки рӯза мегирифтанд, рӯи худро тираву турш мекарданд, то худро бемадор ва азияткашида вонамуд созанд. Аммо Худованд Исо мегӯяд, ки кӯшиши зоҳиран муқаддас тофтан хандаовар аст.

**6,17-18** Имондорони ҳақиқӣ бояд пинҳонӣ ва ноаён *рӯза гиранд. Ба сари худ равған молидан* ва *рӯи худро шустан* – намуди одии ҳарвақта доштан аст. Кифоя аст, ки *Падар* инро медонад. Мукофоти Ӯ аз таҳсини одамон беҳтар хоҳад буд.

---

### РӮЗА

Рӯза доштан аз ҳама гуна талаботи табиӣ ба хӯрок худдорӣ кардан аст. Рӯзадорӣ метавонад ихтиёрӣ бошад, чун дар ин порча, ё маҷбурӣ (чун дар Аъм. 27,33 ё 2Қур. 11,27). Дар Аҳди Нав он бо мотам (Мат. 9,14.15) ва дуо пайваст карда мешавад (Луқ. 2,37; Аъм. 14,23). Дар ин порчаҳо рӯзадорӣ чун тасдиқи самимияти шахси рӯзадор дар қабул кардани хости Худо ҳамроҳи дуохонӣ ба ҷо оварда мешуд.

Рӯза аз ҷиҳати аҳамият ба наҷот баробар нест, ва низ масеҳиро дар назди Худо дорои мавқеи махсусе намегардонад. Боре фарисӣ бо фахр мегуфт, ки ҳар ҳафта ду рӯз рӯза мегирад, аммо ин ба вай сафедшавии матлубро надод (Луқ. 18,12.14). Аммо вақте ки масеҳӣ, пинҳонӣ рӯза гирифта, машқи рӯҳонӣ мекунад, Худо вайро мебинад ва мукофот медиҳад. Агарчи Аҳди Нав рӯзадориро намефармояд, ба ҳар ҳол рӯзадорӣ бо ваъдаи мукофот *ҳавасманд карда мешавад.* Он метавонад сустӣ ва хоболудиро дур карда, барои ҳаёти рӯҳонии шахс мусоидат кунад. Он дар лаҳзаҳои бӯҳронӣ арзиши зиёде дорад, вақте ки одам хости Худоро фаҳмидан мехоҳад. Он ҳамчунин машқи интизом ва худдорист. Рӯза кори шахси алоҳида ва Худост, ва он бояд бо хоҳиши ба Ӯ хуш омадан иҷро карда шавад. Рӯза арзиши худро гум мекунад, агар он маҷбурӣ ё барои намоиш бошад ва омилҳои водоркунандаи барғалат дошта бошад.

---

### К. Барои худ ганҷҳо дар осмон ғун кунед (6,19-21)

Ин порча баъзе панду насиҳатҳои инқилобитарини Худованд ва дар айни замон бештар сарфи назар мешударо дар бар мегирад. Мавзуи қисми боқимондаи боб: чӣ гуна мо барои оянда бехатарии моддӣ ёфта тавонем.

**6,19-20** Дар оятҳои 19-21 Исо дар бораи чӣ гуна таъмин намуданиояндаи бехатари молиявӣ чизе бархилофи тамоми маслиҳатҳои инсонӣ мегӯяд. Вақте вай мегӯяд: *«Дар замин барои худ ганҷҳо ғун накунед»,* Ӯ ба он чиз ишора мекунад, ки арзишҳои моддӣ беэътимоданд. Ҳама гуна бойигарии моддӣ метавонад ё ба сабаби қувваҳои табиӣ (куя *«занг»)* аз даст равад, ё дуздида шавад. Исо мегӯяд, ки ягона сармоягузории гумнамешуда *ганҷҳо дар осмон* мебошанд.

**6,21** Ин гуна сиёсати молиявии қатъӣ бар асоси ин қоида сохта мешавад: *Ҳар ҷо ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо мешавад.* Агар пулҳои шумо дар бонки амонатӣ бошанд, дил ва хоҳишҳоятон низ дар он ҷо мебошанд. Агар ганҷи шумо дар осмон бошад, шавқу ҳавасатон низ дар он ҷо хоҳад буд. Ин таълимот моро водор мекунад, то бифаҳмем, ки оё Исо дар бораи чизи мегуфтааш андешаву мулоҳиза кардааст. Агар *ҳа,* пас саволе ба миён меояд: Ганҷҳои заминии худро чӣ кунем? Агар *не,* пас бояд ба худ саволи дигар диҳем: Навиштаи Муқаддаси худро чӣ кунем?

### Қ. Чароғ барои бадан (6,22-23)

**6,22-23** Исо дарк мекард, ки барои шогирдонаш душвор аст, то бифаҳманд, ки ин таълимоти на он қадар фаҳмо оид ба бехатарии моддӣ оянда чӣ гуна амалӣ мешавад. Бинобар ин Ӯ қиёсро бо *чашми* одамӣ ба кор мебарад, то оид ба биноии рӯҳонӣ дарсе диҳад. Ӯ гуфт, ки *чашм чароғи бадан аст.* Танҳо ба воситаи чашм бадан рӯшноӣ мегирад ва дида метавонад. *Агар чашм нек бошад, тамоми бадан* бо *равшанӣ* пур хоҳад шуд. *Лекин агар чашм хира*

*бошад,* он гоҳ биноӣ суст мешавад. Ба ҷои равшанӣ *торикӣ* фаро мерасад.

Аз ин бармеояд, ки чашми нек ба одаме тааллуқ дорад, ки ниятҳояш поканд ва хоҳиши ягонааш мақсадҳои Худост, ва мехоҳад таълимоти Масеҳро айнан қабул намояд. Тамоми зиндагии вай пурнур аст. Вай ба суханони Масеҳ бовар мекунад, вай бойигариҳои заминиро тарк мекунад, вай барои худ дар осмон ганҷ ҷамъ мекунад, ва вай медонад, ки ин ягона кафолати ҳақиқии бехатарист. Аз тарафи дигар, чашми хира ба одаме тааллуқ дорад, ки мекӯшад барои ду ҷаҳон зиндагӣ кунад. Вай намехоҳад аз ганҷҳои худ дар замин даст кашад, ва бо вуҷуди ин мехоҳад дар осмон ганҷҳо дошта бошад. Таълимоти Масеҳ барои вай ноуҳдабароёна ва иҷронашаванда метобад. Вай ҳидояткунандаи возеҳу равшан надорад, чунки вайро торикӣ фаро гирифтааст.

Исо боз илова мекунад, ки *агар рӯшноие ки дар туст, торикӣ бошад, чӣ гуна бузург аст он торикӣ!* Бо суханони дигар, агар шумо медонед, ки Масеҳ ба бойигариҳои заминӣ ҳамчун ба кафолати оянда нигаристанро манъ кардааст, аммо ба ҳар ҳол ин корро мекунед, пас таълимоте ки шумо ба он беитоатӣ кардед, ба торикӣ мубаддал мешавад. Шумо наметавонед бойигариро дар партави ҳақиқиаш бинед.

## Л. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед (6,24)

**6,24** Имконнопазирии хизмат ҳам ба Худо, ҳам ба пул дар ин ҷо бо истилоҳҳои *«хоҷагон»* ва *«бандагон»* аниқ карда мешавад. *Яке* аз онҳо ҳатман дар садоқат ва итоаткории вай ҷои аввалро ишғол хоҳад кард. Бо *Худо ва пул* ҳамин тавр мешавад. Онҳо рақибонанд, ва бинобар ин бояд интихоб намуд. Ё мо бояд Худоро дар мадди аввал ҷойгир карда, ҳокимияти чизи моддиро рад намоем, ё барои чизҳои бебақо зиста, даъвои Худоро ба ҳаётамон рад кунем.

## М. Ғамхорӣ накунед (6,25-34)

**6,25** Дар ин ҳолат Исо ба тамоюли дар хӯрок ва пӯшок марказонидани ҳаётамон зарба мезанад, зеро дар ин ҳолат маънои ҳақиқии он гум мешавад. Мушкилӣ аксар вақт на дар он аст, ки *имрӯз* мо чӣ мехӯрем ва мепӯшем, балки дар он аст, ки пас аз даҳ, бист ё сӣ сол чӣ мехӯрем ва мепӯшем. Ин гуна хавотиршавӣ аз оянда гуноҳ аст, зеро он муҳаббат, хирад ва қудрати Худоро рад кардан аст. Он ғамхории Худоро сарфи назар карда, муҳаббати Ӯро рад мекунад. Он хирадмандии Ӯро рад мекунад ва ба он ишора мекунад, ки Ӯ чӣ карданашро намедонад. Ва он қудрати Ӯро рад мекунад ва он чизро зери шубҳа мегузорад, ки Ӯ метавонад эҳтиёҷоти моро қонеъ гардонад.

Ин гуна ғамхорӣ моро водор мекунад тамоми қувваамонро сарф намоем, то боварӣ ҳосил кунем, ки барои зиндагиамон ҳама чизро ба қадри кофӣ хоҳем дошт. Ва то даме ки мо ба ин боварӣ ҳосил мекунем, ҳаётамон мегузарад, ва мо ҳадафи асосиамонро, ки барои он офарида шуда будем, гум мекунем. Худо моро ба сурати Худ барои таъйиноти баландтаре офаридааст, назар ба он ки танҳо ғизо истеъмол намоем. Мо дар ин ҷо барои он ҳастем, ки Худоро дӯст дорем, парастиш кунем, хизмат намоем ва ифодагари мақсадҳои Ӯ дар замин бошем. Баданҳои мо бояд ба мо хизматгор бошанд, на хӯҷаин.

**6,26** *Парандагони осмон* тасвиркунандаи ғамхории Худо ба офаридааш мебошанд. Онҳо шаҳодат медиҳанд, ки ба ғамхории мо ҳеҷ зарурате нест. Онҳо *на мекоранд* ва *на медараванд,* аммо ба ҳар ҳол Худо *хӯроки онҳоро медиҳад.* Ва азбаски одамон дар тартиби мартабаҳои Худо офаридаҳои *хеле беҳтар* аз парандагон мебошанд, мо метавонем бо боварӣ интизори он бошем, ки Худо оид ба эҳтиёҷоти мо ғамхорӣ мекунад.

Аммо мо набояд аз ин хулоса барорем, ки набояд кор кунем, то эҳтиёҷоти имрӯзаамонро қонеъ намоем. Павлус ба мо хотиррасон мекунад: «...агар касе нахоҳад кор кунад, хӯрок ҳам нахӯрад» (2Тас. 3,10). Мо инчунин набояд хулоса барорем, ки коштан, даравидан ва ҳосилро ҷамъоварӣ намудани деҳқон хатост. Ин кор қисми даркорӣ аст дар таъмини эҳтиёҷоти зарурии вай. Он чи Исо манъ мекунад, васеъ намудани анборҳост, то новобаста ба Худо барои худ бовариро ба оянда таъмин намоем (одате ки онро Ӯ дар масали Худ оид ба шахси сарватманд маҳкум мекунад, Луқ. 12,16-21). «Қайдҳои ҳаррӯзаи Ҷамъияти Навиштаи Муқаддас» ояти 26-ро хулоса мекунад:

*Хулоса ин аст: агар Худо офаридаи дараҷаи поёниро бе ягон хел иштироки бошууро-на бо ғизо таъмин мекарда бошад, пас онҳоеро, ки ҷаҳон барояшон сохта шудааст, Ӯ бештар аз ин бо иштироки худашон бо ғизо таъмин менамояд.*

**6,27** Ғамхории мо оид ба оянда на танҳо Худоро шарафманд наменамояд, балки бефоида ҳам ҳаст. Худованд инро бо саволе тасвир менамояд: «Ва кист аз шумо, ки бо ғамхории худ қоматашро як зироъ баланд карда тавонад?» Одами қадпаст бо ғамхории худ 48 см баланд шуда наметавонад. Ба ҳар ҳол, ин гуна қаҳрамонӣ нишон додан осонтар аст, назар ба ин ки бо ғамхорӣ захираи хӯрокворӣро барои тамоми эҳтиёҷоти оянда ҷамъ оварем.

**6,28-30** Сипас Худованд дар бораи беҳуда будани ғамхорӣ барои *либос* дар оянда сухан меронад. *Савсанҳои саҳро* (эҳтимол, шақоиқҳои саҳроӣ) *на меҳнат мекунанд ва на мересанд,* аммо бо вуҷуди ин либосҳои онҳо дар зебоӣ аз либосҳои шоҳонаи Сулаймон хубтар аст. Агар Худо гулҳои саҳроро ин гуна зебо мепӯшонад, ки тамоман муддати кӯтоҳе вуҷуд доранд, ва сипас онҳоро чун сӯхтанӣ барои танӯри нонпаз истифода мебаранд, пас, албатта, Ӯ оид ба халқе ки ба Ӯ саҷда ва хизмат мекунад, ғамхорӣ мекунад.

**6,31-32** Инак, мо набояд ҳаётамонро ба ташвиши ёфтани хӯрок, нӯшокӣ ва пӯшок бароиояндаи худ гузаронем. *Халқҳои* бутпарасти нобовар умри худро бо ҷамъ овардани бемаънои неъматҳои моддӣ мегузаронанд, гӯё тамоми ҳаёташон дар хӯрок ва пӯшок бошад. Аммо барои масеҳиён, ки *Падари Осмонӣ* доранд ва Ӯ эҳтиёҷоти асосии онҳоро *медонад,* ин тавр набояд бошад.

Агар дар назди масеҳиён вазифае меистод, ки барои эҳтиёҷотиояндаашон захираҳо ҷамъ оваранд, он гоҳ вақт ва қувваашон барои ғун кардани захираҳои молиявӣ равона карда мешуд. Онҳо ҳеҷ гоҳ дилпур намешуданд, ки ба андозаи даркорӣ молу пул ҷамъ овардаанд, чунки ҳамеша хатари бӯҳрони иқтисодӣ, беқурбшавии пул, фалокат, бемории бардавом ё ҳодисаи ғайричашмдошт ҳаст. Ин маънои онро дорад, ки Худо аз хизмати халқи Худ маҳрум мешуд. Мақсади аслие ки одамон барои он офарида шудаанд ва ба Исои Масеҳ имондор гардида буданд, гум мешуд. Мардҳо ва занҳо, симои Худоро дар худ дошта, дар ин замин бароиояндаи номуайян мезистанд, ҳол он ки бояд арзишҳои бефаноро дар назар дошта, зиндагӣ кунанд.

**6,33** Бинобар ин Худованд бо пайравони Худ паймон мебандад. Ҳамчун натиҷаи ин, Ӯ мегӯяд: «Агар ту манфиатҳои Худоро дар мадди аввал гузорӣ, Ман кафолат медиҳам, ки оид ба эҳтиёҷотиояндаат ғамхорӣ хоҳам намуд. Агар ту *аввал дар пайи Подшоҳии Худо ва ростии Ӯ бошӣ,* он гоҳ Ман ғамхорӣ хоҳам кард, ки ту дар ягон эҳтиёҷи зиндагиат танқисӣ надошта бошӣ».

**6,34** Ин барномаи «ҳифзи иҷтимоӣ»-и Худост. Вазифаи масеҳӣ ин аст – зистан барои Худованд бо бовари матин ба он ки Худо оид ба вай дар оянда ғамхорӣ хоҳад намуд. Кор танҳо воситаи қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҳозира аст. Ҳамаи он чи зиёда аз ин аст, бояд ба кори Худо дохил шавад. Мо бояд барои ҳамин рӯз зиндагӣ кунем: *зеро ки фардо барои худ ғамхорӣ хоҳад кард.*

## Н. Доварӣ накунед (7,1-6)

Ин қисм дар бораи ҳукм якбора пас аз таълимоти барангезанда оид ба неъматҳои заминӣ меояд. Алоқаи байни ин ду мавзуъ муҳим аст. Барои масеҳие ки ҳама чизро тарк кардааст, танқид кардани масеҳиёни сарватманд осон аст. Аз дигар ҷиҳат масеҳиёне ки вазифаи худро дар таъмини эҳтиёҷотиояндаи оилаҳояшон ҷиддӣ ҳис мекунанд, ба паст задани онҳое ки ба иҷро намудани гуфтаҳои Исо дар ояти охирини боби шашум мекӯшанд, моил мешаванд. Азбаски ҳеҷ кас пурра мувофиқи имон зиндагӣ намекунад, ин гуна танқид бемаврид аст.

Ин фармони ҳукм накардани дигарон маъниҳои зеринро дар бар мегирад: дар бораи фикрҳои дигарон ҳукм накардан – танҳо Худо онҳоро хонда метавонад; аз рӯи намуди зоҳирӣ ҳукм накардан (Юҳ. 7,24; Яъқ. 2,1-4); ҳукм накардани онҳое ки дар баъзе масъалаҳо виҷдонашон ором нест, ва онҳое ки ба худ боварӣ надоранд (Рум.14,1- 5); хизматгузории масеҳии дигарро танқид накардан (1Қур. 4,1-5); дар ҳаққи бародари имондори худ бадгӯӣ накардан (Яъқ. 4,11.12).

**7,1** Баъзан ин суханони Худованди моро нодуруст тафсир мекунанд, то ки ҳама гуна довариро манъ намоянд. Новобаста ба

вазъият, одамон худотарсона мегӯянд: *«Доварӣ накунед, то шуморо доварӣ накунанд»*. Аммо Исо моро таълим намедиҳад, ки одамони қобилияти ташхис надошта бошем. Ӯ ҳеҷ гоҳ онро дар назар надошт, ки мо бояд аз ҳуқуқи танқид кардан ё аз сарфаҳм рафтан ба вазъият даст кашем. Дар Аҳди Нав мисолҳои зиёде дар бораи доварии ҳаққонӣ оид ба рафтор, ҳолат ё таълимоти дигарон ҳаст. Илова бар ин, баъзе соҳаҳое ҳастанд, ки ба масеҳӣ қарор додан, неку бад ё хубу беҳтарро фарқ кардан фармуда шудааст. Инак баъзе аз онҳо:

1. Вақте ки байни масеҳиён масъалаҳои баҳснок пайдо мешаванд, онҳо бояд ба муҳокимаи аъзоёни ҷамоат, ки онҳоро ҳал карда метавонанд, пешниҳод гарданд (1Қур. 6,1-8).
2. Ҷамоати маҳаллӣ бояд гуноҳҳои ҷиддии аъзоёнашро ҳукм намояд ва қарорҳои дахлдор қабул намояд (Мат. 18,17; 1Қур. 5,9-13).
3. Имондорон бояд таълимоти муаллимон ва воизонро аз рӯи Каломи Худо баҳо диҳанд (Мат. 7,15-20; 1Қур. 14,29; 1Юҳ. 4,1).
4. Масеҳиён бояд имондоронро аз беимонон фарқ кунанд, то ки фармудаи Павлусро дар 2Қуринтиён 6,14 иҷро кунанд.
5. Аъзоёни ҷамоат бояд фаҳманд, ки кӣ сифатҳои роҳбарон ва диаконҳоро дорад (1Тим. 3,1-13).
6. Мо бояд танбалон, беҷуръатон, сустон ва ғайраро шинохта тавонем ва бо онҳо мувофиқи Навиштаи Муқаддас рафтор намоем (1Тас. 5,14).

**7,2** Исо огоҳ намудааст, ки доварии ноодилонаро подош интизор аст: *Зеро ҳамон тавре ки доварӣ кунед, шуморо доварӣ мекунанд.* Тамоми зиндагӣ ва муносибатҳои одамон бар ин қоидаи ҷамъоварии чизи кошташуда сохта шудааст. Маркус ин асосро дар мавриди он истифода мекунад, ки мо Каломи Худоро чӣ гуна қабул мекунем (4,24), Луқо бошад онро дар мавриди озодии мо дар ҳаҷми хайрия ба кор мебарад (6,38).

**7,3-5** Исо чунин майли моро фош мекунад, ки дар каси дигар хатои хурдро мебинем, ва дар айни замон ҳамин хаторо дар худ нодида мегирем. Ӯ вазъиятро дидаву дониста аз будаш зиёд нишон медиҳад (муболиғаро истифода мекунад), то ки асли мақсадро ба самъи мо расонад. Касе бо *чӯбе* дар *чашми худ* каси дигареро барои *хасе* дар чашмаш таъна мекунад, ва камбудии худро ба инобат намегирад. Дурӯягӣ мебуд, агар фикр мекардем, ки мо ба одами камбудидошта ёрӣ расонида метавонистем, дар ҳоле ки норасоиҳои худамон зиёдтаранд. Пеш аз танқид намудани дигарон мо бояд норасоиҳои худро ислоҳ кунем.

**7,6** Ояти 6 нишон медиҳад, ки Исо мақсад надошт *ҳама гуна* ҳукмро манъ кунад. Ӯ шогирдонашро огоҳ мекард, ки *он чи муқаддас аст, ба сагон надиҳанд,* ва *марворидро пеши хукон напартоянд.* Мувофиқи шариати Мусо, сагҳо ва хукҳо ҳайвонҳои нопоканд, ва дар ин ҷо ин истилоҳҳо барои тасвири одамони нобакор истифода шудаанд. Агар мо одамони бадро вохӯрем, ки ба ҳақиқатҳои илоҳӣ муносибати таҳқиромез доранд ва ба мавъизаи мо дар бораи талабҳои Масеҳ бо дашном ва ҳақорат ҷавоб медиҳанд, пас зарур нест, ки ба онҳо мавъиза кунем. Фишор овардан боиси бадгӯии бештари ҳақораткунанда мешавад.

Гуфтан зарур нест, ки барои шинохтани ин гуна одамон нуктасанҷии рӯҳонӣ доштан даркор аст. Эҳтимол, барои ҳамин ҳам оятҳои баъдина моро ба шакли дуое меоранд, ки ба воситаи он мо метавонем хирад талаб намоем.

### О. Биталабед, биҷӯед, дарро бикӯбед (7,7-12)

**7,7-8** Агар мо фикр кунем, ки бо қувваи худ мувофиқи таълимоти Мавъизаи болои кӯҳ зиста метавонем, пас мо хусусияти фавқуттабиии он ҳаётеро, ки Наҷотдиҳанда моро ба он даъват мекунад, дарк накардаем. Хирад ё қувват барои ин гуна зиндагӣ бояд ба мо аз боло дода шавад. Бинобар ин Исо дар ин ҷо моро даъват мекунад, ки *хоҳиш кунем* ва боз хоҳиш кунем, *биҷӯем* ва боз биҷӯем, *дарро бикӯбем* ва боз бикӯбем. Хирад ва қуввае ки барои зиндагии масеҳиёна даркор аст, ба ҳамаи ононе дода мешавад, ки боисрор барои ин дуо мекунанд.

Агар оятҳои 7 ва 8-ро аз алоқамандии матн берун кунем, пас онро бо чеки пурнашуда барои имондор монанд кардан мумкин аст, яъне дар ҷавоби дуои боисрор мо ҳама чизи пурсидаамонро гирифта метавонем. Аммо ин нодуруст аст. Ин оятҳоро дар алоқамандии матнашон ва дар партави таълимоти тамоми

Навиштаи Муқаддас оид ба дуо бояд фаҳмид. Бинобар ин ваъдаҳои дар ин ҷо додашуда, ки номаҳдуд метобанд, дар асл бо порчаҳои дигари Навиштаҳо маҳдуд карда мешаванд. Масалан, аз Забур 65,18 мо мефаҳмем, ки шахси дуо мекарда набояд гуноҳи эътирофнакарда дошта бошад. Масеҳӣ бояд бо имон (Яъқ. 1,6-8) ва мувофиқи иродаи Худо дуо гӯяд (1Юҳ. 5,14). Дуо бояд боисрор (Луқ. 18,1-8) ва самимӣ бошад (Ибр. 10,22а).

**7,9-10** Ҳангоме ки шартҳои дуо иҷро шудаанд, масеҳӣ метавонад боварии комил дошта бошад, ки Худо мешунавад ва ба вай ҷавоб медиҳад. Ин боварӣ дар хислати Худо, Падари мо, асос ёфтааст. Ба таври одамӣ муҳокима ронда, мо медонем, ки агар *писар нон хоҳиш кунад,* падараш ба вай *санг* намедиҳад. Ҳамчунин ба вай *морро намедиҳад,* агар *моҳӣ хоҳиш кунад.* Падари заминӣ писари гуруснаашро на танҳо фиреб намедиҳад, балки ҳамчунин ба вай чизеро намедиҳад, ки зарар расонда метавонад.

**7,11** Худованд аз далели пасттар ба далели болотар хулоса мебарорад. Агар волидайни заминӣ мувофиқи хоҳиши фарзандон чизи беҳтаринро медода бошанд, пас *Падари мо, ки дар осмон* аст, чанд маротиба зиёдтар хоҳад дод!

**7,12** Алоқаи бевоситаи ояти 12 бо ояти пештара чунин аст: Азбаски Падарамон диҳандаи ҳар гуна нозу неъмат аст, мо низ, ба Ӯ тақлид карда, бояд ба дигарон некӣ кунем. Нек будан ё нек набудани он чиро, ки мо ба дигарон мекунем, дар он маврид мефаҳмем, ки ба мо низ ҳамин тавр рафтор карданашонро хоҳем. Ин қоидаи тиллоиро Раввин Ҳиллел 100 сол пеш аз он вақт дар шакли манфӣ ифода карда буд. Аммо, ин қоидаро дар маънидоди мусбат муқаррар намуда, Исо худдории ғайрифаъолро як сӯ мегузорад ва ба саховати фаъолона рӯ меорад. Масеҳият на танҳо худдорӣ аз гуноҳ, балки накӯкории фаъолона аст.

*Ин аст Таврот ва навиштаҳои пайғамбарон,* – мегӯяд Исо, яъне бо ин суханон таълимоти ахлоқии *шариати* Мусо ва навиштаҳои пайғамбарони Исроил хулоса карда мешаванд. Росткорие ки Аҳди Қадим талаб мекунад, дар имондороне ки ин тавр ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, амалӣ мешавад (Рум. 8,4). Агар ба ин оят дар тамоми ҷаҳон итоат мекарданд, вай тамоми тарафҳои муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати миллӣ, ҳаёти оилавӣ ва ҷамоатиро дигаргун мекард.

## П. Роҳи танг (7,13-14)

**7,13-14** Сипас Исо огоҳӣ медиҳад, ки *дари* шогирдии масеҳиёна *танг* ва *роҳ душвор* аст.[9] Аммо онҳое ки ба таълимоти Ӯ содиқанд, дар ин ҷо ҳаёти фаровон пайдо мекунанд. Боз *дари фарох* низ ҳаст – аз пайи хоҳишҳои худ ва хушнудӣ будан. Охири ин гуна зиндагӣ *ҳалокат* аст. Ин ҷо сухан на дар бораи аз даст додани ҷон, балки дар бораи мувофиқи мақсади ҳаёт назистан аст.

Ин оятҳоро инчунин барои шаҳодат ба беимонон истифода мебаранд ва ду роҳу ду тақдири аҳли башарро тасвир менамоянд. Дари фарох ва роҳи васеъ ба сӯи ҳалокат мебаранд (Мас. 16,25). Дари танг ва роҳи душвор ба сӯи ҳаёт мебаранд. Исо дар (Юҳ. 10,9) ва роҳ (Юҳ. 14,6) аст. Аммо агарчи ин порчаро дар ин маврид истифода бурдан мумкин аст, маънидоди он барои имондорон аст. Исо мегӯяд, ки аз пайравони Ӯ имон, интизом ва тоқат талаб карда мешавад. Аммо ин гуна ҳаёти *душвор* ягона ҳаёти меарзида аст. Агар ту роҳи осонро интихоб кунӣ, дӯстони зиёде хоҳӣ дошт, аммо чизи бароят беҳтаринро аз даст медиҳӣ.

## Р. Онҳоро аз меваҳояшон хоҳед шинохт (7,15-20)

**7,15** Дар ҷое ки талаботи сахти шогирдии ҳақиқӣ таълим дода мешавад, *пайғамбарони дурӯғин* низ ҳастанд, ки дари фарох ва роҳи осонро ҳимоя мекунанд. Онҳо ҳақиқатро ба дараҷае бо об омехта мекунанд, ки чуноне Сперҷен гуфтааст, «аз он чизе боқӣ намемонад, то ҳатто барои малахаки бемор шӯрбо пухта шавад». Ин одамон, гӯё оид ба Худо сухан ронда, дар *либоси меш* мегарданд ва намуди имондорони ҳақиқиро ба худ мегиранд. *Лекин аз дарун гургони дарандаанд,* яъне онҳо беимононӣ бадандешанд, ки бетаҷрибагон, ноустуворон ва зудбоваронро туъмаи худ мекунанд.

**7,16-18** Оятҳои 16-18 роҳи шинохтани ин пайғамбарони дурӯғинро таълим медиҳанд:

*онҳоро аз меваҳояшон мешиносед.* Онҳоро ҳаёти бадахлоқона ва таълимоти ҳалокатоварашон фош мекунад. Дарахт ё растанӣ мувофиқи табиати худ *мева* медиҳад. *Буттаи олуча ангур* ҳосил намедиҳад; *дар мушхор анҷир* намерӯяд. Дарахти нек меваҳои нек меоварад, *дарахти бад* бошад *меваҳои бад* меорад. Ин принсип ҳам дар олами моддӣ ва ҳам дар олами рӯҳонӣ ҳақиқат аст. Ҳаёт ва таълимоти одамонеро, ки даъвои аз номи Худо гап заданро доранд, бо Каломи Худо санҷидан лозим аст.

**7,19-20** Тақдири *пайғамбарони дурӯғин– ба оташ андохта шудан* аст. Тақдири муаллимони фиребгар ва пайғамбарони дурӯғин – *ҳалокати зуд* аст (2Пет. 2,1). Онҳоро аз меваҳояшон метавон шинохт.

### С. Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам (7,21-23)

**7,21** Сипас Исо дар бораи он одамоне огоҳӣ медиҳад, ки мегӯянд, ки Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ медонанд, аммо худ ҳеҷ гоҳ тавба накарда буданд. *На ҳар касе* ки ба Исо *«Хоҷаам! Хоҷаам!»* мегӯяд, ба *Подшоҳии Осмон дохил мешавад.* Танҳо иҷрокунандагони *хости* Худо ба Подшоҳӣ дохил мешаванд. Қадами аввал дар иҷрои хости Худо – ба Худованд Исо бовар кардан аст (Юҳ. 6,29).

**7,22-23** Дар *рӯзи* доварӣ, вақте ки беимонон дар назди Масеҳ меистанд (Ваҳӣ 20,11-15), бисёриҳо ба Ӯ хотиррасон хоҳанд кард, ки *пайғамбарӣ* мекарданд, *девҳоро меронданд* ва ё *муъҷизаҳои зиёде* нишон медоданд, – ва ҳамаи инро *ба номи* Ӯ мекарданд. Аммо эродҳои онҳо беҳуда хоҳанд буд. Исо ба онҳо *хоҳад гуфт,* ки ҳеҷ гоҳ онҳоро *намедонист* ва аз Худ намеҳисобид.

Аз ин оятҳо мо мефаҳмем, ки на ҳамаи муъҷизаҳо аз Худо мебошанд ва на ҳар муъҷизагар намояндаи Худост. Муъҷиза фақат маънои онро дорад, ки қувваи фавқуттабиӣ амал мекунад. Ин қувва метавонад илоҳӣ бошад ё шайтонӣ. Шайтон метавонад ба зердастонаш *муваққатан* қувваи рондани девҳоро диҳад, то вонамуд кунад, ки ин муъҷизаи илоҳӣ аст. Дар ин ҳолат вай салтанати худро тақсим намекунад, балки суиқасди боз ҳам бадтари девҳоро дар оянда тартиб медиҳад.

### Т. Бар санг бино кунед (7,24-29)

**7,24-25** Исо мавъизаашро бо масале анҷом медиҳад, ки аҳамияти итоаткориро нишон медиҳад. Танҳо *шунидани суханҳо* кифоя нест, мо бояд онҳоро дар ҳаёт татбиқ намоем. Шогирде ки фармудаҳои Исоро мешунавад ва ба ҷо меоварад, *ба марди доное монанд* карда мешавад, *ки хонаи худро бар санг бино кард.* Хонаи (ҳаёти) вай асоси мустаҳкаме дорад, ва вақте ки *борон* меборад ва *бодҳо* мевазад, он *фурӯ намеравад.*

**7,26-27** Ҳар ки ин *суханони* Исоро *мешунавад* ва онҳоро *ба ҷо наоварад, ба марди нодоне монанд аст, ки хонаи худро бар рег бино кард.* Ин гуна одам наметавонад дар баробари тӯфонҳои харобиовар истодагарӣ кунад; вақте *борон борад* ва *бодҳо вазанд, хона фурӯ меравад,* чунки асоси мустаҳкам надошт.

Агар инсон мувофиқи принсипҳои Мавъизаи болои кӯҳ зиндагӣ кунад, ҷаҳон вайро нодон меномад. Исо бошад мегӯяд, ки вай *доно* аст. Ҷаҳон он касеро хирадманд меҳисобад, ки мувофиқи дидаи чашмонаш зиндагӣ мекунад, барои ҳамин рӯз ва барои худ. Исо ин гуна одамро нодон меномад. Мисоли бинокорони доно ва нодонро барои тасвири Хушхабар истифода бурдан пурра бамаврид аст. Одами доно ба Санг – Исои Масеҳ, Худованд ва Наҷотдиҳанда таваккал мекунад. Одами нодон тавбаро рад мекунад ва Исоро ҳамчун умеди ягонаи наҷот рад мекунад. Аммо амалан тавзеҳи масал моро боз дуртар аз наҷот мебарад – ба истифодаи амалӣ дар ҳаёти масеҳиёна.

**7,28-29** Вақте ки Худованди мо суханонашро ба анҷом расонд, мардум *дар ҳайрат монданд.* Агар мо Мавъизаи болои кӯҳро хонда, аз хусусияти дигаргунсозандаи он ба ҳайрат наафтем, пас мо маънои онро нафаҳмидаем.

Одамон фарқи байни таълимоти Исо ва китобдононро фаҳмиданд. Ӯ чун соҳибқудрат сухан меронд; суханони китобдонон бошад беқувват буданд. Ӯ овоз буд, онҳо – танҳо акси садо. Ҷемисон, Фоссет ва Браун тафсир мекунанд:

*Эҳсоси қудрати илоҳии Қонунгузор, Тафсиркунанда ва Довар аз байни таълимоти Ӯ чунон нурпошӣ мекард, ки таълимоти китобдонон дар партави ин нур танҳо сухани беҳуда менамуд.*[10]

## V. МУЪҶИЗОТИ МАСЕҲ ДАР ФАЙЗ ВА ҚУВВА ВА АКСУЛАМАЛИ ГУНОГУН БА ОН (8,1–9,34)

Дар бобҳои 8-12 Худованд Исо ба халқи Исроил далелҳои боварибахши онро пешкаш мекунад, ки Ӯ ҳақиқатан Масеҳест, ки пайғамбарон дар бораш навиштаанд. Ишаъё, масалан, пешгӯӣ кард, ки Масеҳ чашмони нобиноёнро воз мекунад, гӯшҳои карҳоро мекушояд, лангҳоро шифо мебахшад ва гунгҳоро ба сурудхонӣ водор мекунад (Иш. 35,5.6). Ҳамаи ин пешгӯиҳоро иҷро намуда, Исо исбот кард, ки Ӯ Масеҳ аст. Исроил, Навиштаҳоро таҳқиқ карда, дар шинохтани Масеҳ набояд ягон хел душворӣ медошт. Лекин бадтарини нобиноён онест, ки дидан намехоҳад.

Ҳодисаҳои дар ин бобҳо навишташуда на аз рӯи тартиби аниқи хронологӣ, балки мувофиқи мавзуъҳо пешниҳод шудаанд. Ин на рӯйхати пурраи хизматҳои Худованд, балки нақли воқеаҳоест, ки Рӯҳулқудс интихоб кардааст, то ки самтҳои муайян ва асосиро дар зиндагии Наҷотдиҳанда тасвир намояд. Дар ин нақл лаҳзаҳои зерин дохил карда шудаанд:

1. Қудрати мутлақи Масеҳ бар бемориҳо, девҳо, марг ва қувваҳои табиат.
2. Даъвои Ӯ ба ҳукмронии мутлақ дар ҳаёти ононе ки ба Ӯ пайравӣ мекунанд.
3. Радшавии афзудаистодаи Исо аз тарафи халқи Исроил, хусусан аз тарафи роҳбарони дин.
4. Тайёр будани баъзе бутпарастон барои қабул кардани Масеҳ.

### А. Қудрат бар махав (8,1-4)

**8,1** Агарчи таълимоти Исо қатъӣ ва фавқулода (extreme) буд, он чунин қувваи ҷозибае дошт, ки *мардуми бисёре аз пайи Ӯ равона шуданд*. Ҳақиқат худро тасдиқ мекунад, ва агарчи он метавонад ба одамон маъқул нашавад, онҳо онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

**8,2** *Махавӣ* ба Исо таъзим карда, оид ба шифо зорию тавалло менамуд. Вай бовар дошт, ки Худованд метавонад вайро шифо диҳад, имони ҳақиқӣ бошад ҳеҷ гоҳ ноумед намешавад. Махав тасвири муносибест барои гуноҳ, зеро он бемории нафратовар, харобиовар ва сироятӣ аст, ва баъзе шаклҳои он табобатнашавандаанд.[11]

**8,3** Ба махавиҳо даст расондан мумкин нест. Тамос бо онҳо хатари сироят ёфтанро дошт. Дар байни яҳудиён ин гуна тамос одамро аз ҷиҳати маросимӣ нопок месохт, яъне ҳамроҳи бародарони исроилии худ хизматгузорӣ кардани вай нораво буд. Аммо вақте Исо ба махавӣ *даст расонд* ва суханони шифоро ба забон овард, вай дарҳол *аз махав пок шуд*. Наҷотдиҳандаи мо қуввае дорад, ки аз гуноҳ пок кунад ва одами покшударо барои ибодат қобил намояд.

**8,4** Ин ҳодисаи аввалини дар Инҷили Матто навишташуда аст, ки Исо гуфт, то дар бораи муъҷизаи дар худ рӯйдода ва ё дар бораи он чи онҳо диданд, *ба касе нагӯяд* (ниг. инчунин 9,30; 12,16; 17,9; Марқ. 5,43; 7,36; 8,26). Эҳтимол, Ӯ барои он ин тавр мекард, ки дарк мекард: барои бисёриҳо танҳо халосӣ аз юғи Рум аҳамият дошт ва барои ин мехостанд Ӯро подшоҳ кунанд. Аммо вай медонист, ки Исроил ҳанӯз тавба накардааст, ва халқ роҳбарии рӯҳонии Ӯро рад мекунад ва Ӯ дар аввал бояд ба салиб равад.

Мувофиқи шариати Мусо *коҳин* инчунин табиб ҳам буд. Махавӣ пас аз пок шудан мебоист қурбонӣ мекард ва дар назди коҳин ҳозир мешуд, то вай ӯро покшуда эълон кунад (Иб. 14,4-6). Бешубҳа, хеле кам воқеъ мешуд, ки махавӣ пок шавад, ба дараҷае кам, ки ин мебоист коҳинро хавотир карда, водор мекард таҳқиқ намояд, ки оё ниҳоят Масеҳ наомадааст? Аммо мо дар бораи ягон аксуламале мисли ин намехонем. Дар ин ҳолат Масеҳ ба махавӣ фармуд, ки шариатро риоя кунад.

Маънои рӯҳонии муъҷиза аён аст: Масеҳ ба Исроил бо қувваи аз беморӣ шифо додани халқ омад, Ӯ ин муъҷизаро ҳамчун яке аз ваколатномаҳои Худ пешниҳод кард. Аммо халқ барои қабул кардани Наҷотдиҳандаи худ ҳанӯз тайёр набуд.

### Б. Қудрат бар фалаҷ (8,5-13)

**8,5-6** Имони *мирисади* ғайрияҳудӣ ҳамчун тазоди ҳайратовар бар беидрокии яҳудиён пешниҳод шудааст. Агар Исроил Подшоҳи худро эътироф накунад, пас инро ғайрияҳудиёни манфур хоҳанд кард. Мирисад афсари

румӣ буда, ба сад сарбоз роҳбарӣ мекард. Вай дар Кафарнаҳум ё атрофи он мезист. Вай ба Исо наздик *омад,* то барои хизматгораш, ки аз бемории фалаҷ сахт дар азоб буд, шифое пайдо кунад. Ин ғамхории ғайриодӣ буд. Аксари роҳбарон ба хизматгори худ ин гуна ғамхорӣ намекарданд.

**8,7-9** Вақте Худованд *Исо* пешниҳод кард, ки беморро хабар гиранд, *мирисад* тамоми ҳақиқат ва умқи имони худро нишон дод. Вай гуфт: «*Ман* шоистаи он нестам, ки Ту ба хонаи ман биёӣ. Ин ҳеҷ зарурате надорад, чунки Ту бо як *сухан* ба осонӣ метавонӣ вайро шифо бахшӣ. Ман чигунагии *қудрат* доштанро медонам. Ман фармонҳои сардоронамро қабул мекунам ва ба тобеонам фармон медиҳам. Фармонҳои маро бегуфтугӯ қабул мекунанд. Суханони Ту бар бемории хизматгори ман қудрати беадоза бештареро доранд!»

**8,10-12** Исо аз имони ин ғайрияҳудӣ дар тааҷҷуб монд. Ин яке аз ду ҳолат аст, ки дар бораи тааҷҷуби Исо гуфта шудааст. Дар дафъаи дуюм Ӯ аз нобоварии яҳудиён тааҷҷуб намуд (Марқ. 6,6). Ӯ дар байни халқи интихобшудаи Худо, дар Исроил, *чунин имонро наёфта буд.* Ин Ӯро водор намуд бигӯяд, ки дар Подшоҳии оянда Ӯ ғайрияҳудиён аз тамоми гӯшаҳои замин ҷамъ меоянд, то аз мушоракат бо нахустпадарони яҳудӣ лаззат баранд, лекин фарзандони Подшоҳӣ ба торикии берун ронда мешаванд: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон мешавад. *Фарзандони подшоҳӣ* онҳое мебошанд, ки аз рӯи зода шудан яҳудӣ буда, Худоро Подшоҳи худ эътироф мекарданд, аммо ҳеҷ гоҳ самимӣ бовар накарда буданд. Ин принсип барои замони ҳозира низ қобили қабул аст. Бисёр кӯдаконе ки афзалияти дар оилаҳои масеҳӣ зода шуда, тарбия ёфтанро доштанд, дар дӯзах азоб хоҳанд кашид, зеро Масеҳро рад карданд, дар ҳоле ки ваҳшиёни ҷангалистонҳо аз ҷалоли абадии осмонҳо лаззат хоҳанд бурд, зеро ба хабари Инҷил бовар карданд.

**8,13** *Исо ба мирисад гуфт: «Бирав, мувофиқи имонат ба ту дода шавад».* Имон мувофиқи дилпуриаш ба хусусиятҳои Худо мукофотонида мешавад. *Хизматгор ҳамон соат шифо ёфт,* агарчи Исо аз вай дар масофаи дур буд. Мо дар ин тасвир хизмати Исоро аёнан дида метавонем: табобати ғайрияҳудии имтиёзнадошта аз фалаҷи гуноҳ, ҳарчанд худаш дар он ҷо ҳозир набуд.

### В. Қудрат бар табларза (8,14-15)

**8,14-15** *Ба хонаи Петрус* даромада, Исо модарарӯси вайро дид, ки таб карда, хобидааст. Ва ба дасти вай даст расонд, ва таби вай паст шуд.

Одатан табларза одамро хеле беқувват мекунад, аммо ин шифоёбӣ чунон тез ва пурра буд, ки зан метавонист аз ҷойгаҳаш хезад ва Ӯро *пазироӣ* кунад – ифодаи муносиби миннатдорӣ барои он чи Наҷотдиҳанда барояш кард. Вақте ки мо шифо меёбем, бояд ба ин зан тақлид карда, ба Худо бо бахшидашавии навгашта ва ғайрат хизмат кунем.

### Г. Қудрат бар девҳо ва бемориҳои гуногун (8,16-17)

**8,16-17** *Чун бегоҳ шуд,* вақте ки рӯзи шанбе ба охир расид (ниг. ба Марқ. 1,21-34), одамон ба назди Ӯ ҷамъ шуда, *бисёр* бадбахтони гирифтори рӯҳҳои нопокро меоварданд. Дар ин одамони ҳақир девҳо (рӯҳҳои нопок) мезистанд, ки онҳоро дар зери назорати худ доштанд. Аксаран онҳо донишҳо ва қувваи фавқулинсонӣ зоҳир менамуданд, баъзан онҳо ин одамонро азоб медоданд. Баъзан ин одамон девонавор рафтор мекарданд, аммо сабаби он на ҷисмонӣ ё ақлӣ, балки ба девҳо (рӯҳҳои нопок) вобаста буд. Исо *бо сухане рӯҳҳоро берун кард.*

Ӯ инчунин пешгӯии Ишаъёро ба амал оварда, *ҳамаи беморонро шифо дод* (53,4): *«Аммо Ӯ бемориҳои моро ба сар мебурд ва ба дардҳои мо мубтало буд».* Аз рӯи имон шифодиҳандагон аксаран ояти 17-ро истифода мекунанд, то нишон диҳанд, ки шифо ба гуноҳро пӯшондани Масеҳ тааллуқ дорад ва имондор ба воситаи имон шифои ҷисмониро ба даст оварда метавонад. Аммо дар ин ҷо Рӯҳи Худо ин пешгӯиро на нисбати коре ки Масеҳ дар салиб ба ҷо овард, балки нисбати хизмати заминии Наҷотдиҳандаи мо ба кор мебарад.

Инак, дар ин боб чор муъҷизаи зеринро дидем:

1. Шифоёбии яҳудии махавӣ дар ҳузури Масеҳ.
2. Шифоёбии хизматгори мирисад дар масофаи дур.
3. Шифоёбии модарарӯси Петрус, вақте ки Исо дар хона буд.

4. Шифоёбии ҳамаи гирифторони рӯҳҳои палид ва беморон дар ҳузури Исо.

Габелин тахмин мекунад, ки онҳо чор марҳиларо дар хизмати Худованди мо ифода мекунанд:

1. Масеҳ ҳангоми омадани аввали Худ, ки ба халқи Худ – ба Исроил хизмат мекунад.
2. Давраи ғайрияҳудиён, бе ҳузури Исо.
3. Омадани дуюми Ӯ, вақте Ӯ ба хона медарояд, муносибатҳояшро бо Исроил барқарор мекунад ва духтари бемори Сионро шифо мебахшад.
4. Подшоҳии ҳазорсола, вақте ки ҳамаи гирифторони рӯҳҳои палид ва беморон шифо меёбанд.[12] Ин таҳлили шавқовари тараққии таълимот оид ба мӯъҷизот аст, ва он бояд диққати моро ба маъноҳои чуқури нуҳуфтаи Навиштаи Муқаддас ҷалб намояд. Аммо мо бояд аз истифодаи бемавқеъ ва ифротии ин усул канораҷӯӣ кунем, то маънидодҳоро ба андозаи хандаовар инкишоф надиҳем.

### Ғ. Мӯъҷизаи радшавӣ аз тарафи одамон (8,18-22)

Мо дидем, ки чӣ гуна Масеҳ қудрати Худро бар бемориҳо ва бар рӯҳҳои нопок зоҳир менамуд. Ва танҳо дар муносибатҳо бо мардон ва занон Ӯ ба муқобилият дучор шуд – мӯъҷизаи радкунии инсонӣ.

**8,18-20** Вақте ки *Исо* ба соҳили дигари баҳри Ҷалил гузаштанӣ шуд (аз Кафарнаҳум ба соҳили шарқӣ), *китобдони* худбовар пеш баромада, ваъда дод, ки «дар ҳар ҷо» ба Ӯ пайравӣ мекунад. Ҷавоби Исо Ӯро водор намуд, ки нархи инро ҳисоб карда бояд – даст кашидан аз манфиатҳои шахсӣ. *«Рӯбоҳон ғорҳо ва парандагони осмон лонаҳо доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар монад»*. Хизмати ҷамъиятии Худро ба ҷо оварда, Ӯ хонаи Худро надошт, аммо хонаҳое буданд, ки Ӯ он ҷо меҳмони азиз буд, ва Ӯ одатан ҷои хоб дошт. Қувваи ҳақиқии суханони Ӯ рӯҳонӣ аст: Ин ҷаҳон наметавонист ба Ӯ осоиши бардавоми ҳақиқиро диҳад. Ӯ коре дошт, ки мебоист иҷро мекард, ва то иҷро кардани он Ӯ истироҳат карда наметавонист. Ин ба шогирдони Ӯ низ дахл дорад; ин ҷаҳон барои онҳо на ҷои истироҳат аст, ё лоақал, набояд чунин бошад!

**8,21** Шогирди дигари хеле бохабар ҳамчунин изҳор дошт, ки аз пайи Ӯ равад, аммо вай чизи дигареро афзалтар меҳисобид: *«Хоҷаам! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, аввал падари худро ба хок супорам»*. Мурдан ё намурдани падари вай дар ин маврид аҳамияти калон надорад. Душвории асосӣ дар калимаҳоест, ки зиддиятро ифода мекунанд: *«Хоҷаам ... ман аввал»*. Ӯ кори шахсиашро аз Масеҳ авлотар донист. Ғамхорӣ оид ба дафни сазовори падар кори зарурӣ аст, аммо бадӣ дар он аст, ки ин амали сазовор назар ба даъвати Наҷотдиҳанда авлотар дониста мешавад.

**8,22** Дар асл Исо ба вай ҷавоб дод: «Вазифаи аввалини ту *аз пайи Ман рафтан* аст. *Бигузор мурдагони* рӯҳонӣ *мурдагони худро ба хок супоранд*. Инро наҷотнаёфта ҳам карда метавонад. Аммо коре ҳаст, ки танҳо ту ба ҷо оварда метавонӣ. Чизи беҳтарини ҳаёти худро ба фанонашаванда бисупор. Онро барои майда-чуйда сарф накун». Гуфта нашудааст, ки ҳар ду шогирд ба ин чӣ ҷавобе доданд. Аммо тахмин меравад, ки онҳо Масеҳро тарк карданд, то дар ҷаҳон бароҳаттар ҷой гиранд ва ҳаёти боқимондаашонро дар пайи чизҳои дуюмдараҷа гузаронанд. Аммо пеш аз он ки онҳоро маҳкум кунем, биёед худро дар ду шарти шогирдӣ, ки Исо дар ин порча ба мо эълон кардааст, месанҷем.

### Д. Қудрат бар қувваҳои табиат (8,23-27)

Баҳри Ҷалил бо тӯфонҳои сахти ғайричашмдошти худ назаррас аст, ки онро ба кафки ҷӯшидаистода мубаддал менамояд. Шамолҳо бо водии Урдун аз шимол омада, дар сойи танг суръат мегиранд. Вақте ки онҳо ба баҳр мерасанд, киштиронӣ махсусан хатарнок мешавад.

Ин дафъа Исо аз соҳили ғарбӣ ба соҳили шарқӣ мегузашт. Вақте ки тӯфон сар шуд, *Ӯ* дар киштӣ *хобида буд*. Шогирдон ба воҳима афтода, Ӯро бедор карда зорию таваллоҳо намуданд, то ки онҳоро халосӣ диҳад. Хуб аст, ки онҳо ба Шахсияти даркорӣ муроҷиат карданд. Онҳоро дар сустии имонашон таъна зада, Исо *ба бодҳо* ва мавҷҳо *фармон дод*. Вақте ки *оромии комил фаро расид,* шогирдон *ҳайрон шуданд,* ки ҳатто мавҷҳо ба Ҳамсафари фурӯтани онҳо итоат мекунанд. Онҳо он қадар хуб намефаҳмиданд, ки Офаридгор,

ки тамоми оламро дар даст дорад, он рӯз бо онҳо дар киштӣ буд!

Ҳамаи шогирдони Исо дер ё зуд бо тӯфонҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Баъзан ба мо чунин менамояд, ки мавҷҳо моро фаро мегиранд. Чӣ дастгириест барои мо – донистани он, ки Исо бо мо дар киштӣ аст. Ҳеҷ гуна мавҷҳо наметавонанд киштиеро фурӯ баранд, ки дар он Худованди уқёнус, замин ва осмон ҳаст. Ҳеҷ кас наметавонад ба андозаи Худованд Исо тӯфонҳои зиндагиро ором кунад.

## Е. Исо ду девзадаро шифо мебахшад (8,28-34)

**8,28** Дар соҳили шарқии баҳри Ҷалил *сарзамини ҷарҷасиён* воқеъ буд. Ҳангоме ки Исо ба он ҷо омад, Ӯ дар он ҷо ду ҳолати ниҳоят даҳшатовари бо рӯҳҳои палид гирифтор буданро вохӯрд. Ин девзадагон дар мағоки қабрҳо мезистанд ва чунон бадхашм буданд, ки дар ин ҷой сафар кардан хавфнок буд.

**8,29-31** Вақте ки Исо ба онҳо наздик шуд, рӯҳҳои палид *фарёд зада гуфтанд: «Бо мо чӣ кор дорӣ, эй Исо, Писари Худо? Ту ба ин ҷо омадаӣ, то ки моро пеш аз вақт азоб диҳӣ».* Онҳо медонистанд, ки Исо кӣ буд ва онро низ медонистанд, ки дар охир Ӯ онҳоро нест мекунад. Аз ин ҷиҳат илоҳиётшиносии онҳо аз илоҳиётшиносии бисёр муаллимони озодандеши ҳозиразамон дурусттар буд. Рӯҳҳои нопок дарк мекарданд, ки Исо онҳоро аз ин одамон берун карданӣ аст, ва аз Ӯ иҷозат пурсиданд, то ба галаи хукон, ки дар наздикӣ мечариданд, дароянд.

**8,32** Ҳайратовар аст, ки Исо илтимоси онҳоро қонеъ кард. Чаро Худованд, ки тамоми қудратро доро буд, мебоист бо хоҳиши рӯҳҳои палид розӣ мешуд? Барои фаҳмидани ин рафтори Ӯ мо бояд ду ҳолатро ба ёд оварем: Аввалан, рӯҳҳои нопок аз ҳолати беҷисмӣ канораҷӯӣ мекунанд; онҳо мехоҳанд дар вуҷуди инсон, ё, агар ин номумкин бошад, дар ҳайвонҳо ё дигар мавҷудот иқомат намоянд. Сониян, шубҳае нест, ки мақсади рӯҳҳои нопок вайрон кардан аст. Агар Исо онҳоро аз девонагон танҳо меронд, рӯҳҳои нопок барои одамони дар ин ҷой мезиста хатарнок мешуданд. Ӯ ба хукҳо ворид шудани рӯҳҳои нопокро иҷозат дода, роҳи даромади онҳоро ба ҷисми мардон ва занон маҳкам кард ва қувваи нобудкунандаи онҳоро дар ҳайвонот нигоҳ дошт. Вақти аз тарафи Худованд пурра нобуд шудани онҳо ҳанӯз фаро нарасидааст. Ҳамин ки ин ҷойивазкунӣ ба амал омад, *тамоми галаи хукон аз баландӣ ба баҳр ҷаст* ва ғарқ шуд.

Ин ҳодиса ба мо нишон медиҳад, ки мақсади асосии рӯҳҳои нопок нобудкунӣ аст, ва имконияти даҳшатовари дар ду шахс мавҷуд будани ин миқдор рӯҳҳои нопокро, ки ду ҳазор хукҳоро нобуд карда тавонистанд, таъкид менамояд (Марқ. 5,13).

**8,33-34** Чӯпонон ба тарафи деҳа давиданд, то аз ин ҳодиса хабар диҳанд. Дар натиҷа сокинон ба ҳаяҷон омада, аз Исо *илтимос карданд, ки аз ҳудуди онҳо берун равад.* Аз он вақт Исоро ҳамеша барои нобудшавии бефоидаи ин ҳайвонот танқид мекарданд ва хоҳиш мекарданд, ки равад, чунки Ӯ ҳаёти инсонро аз ҳаёти ҳайвонҳо боарзиштар меҳисобид. Агар ин ҷарҷасиён яҳудӣ бошанд, пас парвариши хукҳо вайрон кардани шариат буд. Аммо новобаста ба он ки онҳо яҳудӣ буданд ё не, онҳо барои он маҳкум мешаванд, ки галаи хукҳоро аз шифоёбии ду одами девзада авлотар медонистанд.

## Ё. Қудрати бахшидани гуноҳ (9,1-8)

**9,1** Чун ҷарҷасиён Наҷотдиҳандаро рад карданд Ӯ ба он тарафи баҳри Ҷалил, ба Кафарнаҳум рафт, ки он барояш *шаҳри Худ* гардид, пас аз он ки дар Носира Ӯро куштанӣ буданд (Луқ. 4,29-31). Маҳз дар ҳамин ҷо Ӯ баъзе аз муъҷизаҳои бузургтарини Худро ба амал овард.

**9,2** Чор одам бо ҷойгоҳи дағал (ё бӯрё) *шалеро* бардошта, ба назди Ӯ омаданд. Марқус ба мо мефаҳмонад, ки ба сабаби бисёр будани одамоне ки Исоро гӯш мекарданд, онҳо маҷбур шуданд сақфи хонаро шикоф карда, ҷойгоҳро ба назди Исо гузоранд (2,1-12). Ҳангоме ки *Исо имони онҳоро дид, ба шал гуфт: «Хотирҷамъ бош, эй фарзанд! Гуноҳҳои ту бахшида шуданд».* Аҳамият диҳед, ки Ӯ имони онҳоро медид. Имон ин одамонро водор намуд, ки маъюбро назди Исо оваранд, имони шахси маъюб бошад ба сӯи Исо барои шифоёбӣ равона шуд. Худованди мо аввал подоши ин имонро дода, гуфт, ки гуноҳҳояш *бахшида*

*шуданд*. Табиби бузург сабаби бемориро аз нишонаҳояш пеш гузошт; аввал Ӯ баракати бузургтаринро медиҳад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд: Оё Исо ягон бор касеро, бе он ки наҷоташ диҳад, табобат кардааст?

**9,3-5** Ҳангоме *баъзе аз китобдонон* шуниданд, ки Исо бахшидани гуноҳҳои ин одамро эълон намуд, онҳо *дар дили худ* Ӯро дар куфр гуноҳкор карданд. Охир, танҳо Худо метавонад гуноҳҳоро бахшад, ва онҳо бошанд, албатта, Ӯро ҳамчун Худо эътироф кардан намехостанд! Худованди ҳамадон Исо фикрҳои онҳоро пай бурда, барои *андешаҳои бад дар* дилҳои пур аз нобовариашон таъна намуд, ва сипас аз онҳо пурсид, ки *кадомаш осонтар аст: гуфтани он ки «гуноҳҳои ту бахшида шуданд», ё гуфтани он ки «бархез ва равона шав»*. Амалан *гуфтани* ҳам ин ва ҳам он *осон* аст, аммо *кардани* кадомаш осонтар аст? Ҳам ин ва ҳам он аз ҷиҳати инсонӣ номумкин аст, аммо натиҷаҳои фармони якум нонамоён аст, дар ҳоле ки натиҷаҳои фармони дуюм фавран аён мегардад.

**9,6-7** Барои ба китобдонон нишон додани он ки Ӯ *дар рӯи замин қудрати бахшидани гуноҳҳоро* дорад (ва барои ҳамин ҳам Ӯро ҳамчун Худо бояд эҳтиром намуд), Исо ба онҳо муъҷизаи *дидашавандаро* медиҳад. Ба шал мурочиат карда, Ӯ гуфт: *«Бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав»*.

**9,8** Ҳангоме бисёр одамон диданд, ки вай бо бӯрёи худ ба хона мерафт, ду ҳиссиёт дар онҳо пайдо шуд: тарс ва ҳайрат. Онҳоро дар ҳузури воқеаи то ин андоза ошкоро фавқуттабиӣ тарс фаро гирифт. Онҳо *Худоро ҳамду сано хонданд, ки ба одамизод чунин қудрате бахшидааст.* Аммо онҳо аҳамияти муъҷизаро ба эътибор нагирифтанд. Шифоёбии *дидашавандаи* мафлуҷ барои он ба амал оварда шуд, то одамон бовар кунанд, ки гуноҳҳои ин одам бахшида шудаанд, ки ин муъҷизаи *дидanашаванда* аст. Аз ин чиз онҳо мебоист мефаҳмиданд, ки он чи диданд, на нишон додани қудратест, ки Худо ба одамон додааст, балки дар байни онҳо ҳозир будани Худо дар шахси Худованд Исои Масеҳ аст. Аммо онҳо инро нафаҳмиданд.

Дар хусуси китобдонон бошад, мо аз ҳодисаҳои баъдина медонем, ки нобоварӣ ва бадбинии онҳо боз ҳам бештар шуд.

### Ж. Исо Маттои андозғундорро даъват мекунад (9,9-13)

**9,9** Муҳити шиддатноке ки дар атрофи Наҷотдиҳанда қувват мегирифт, муваққатан бо ҷавоби сода ва фурӯтанонаи Матто ба даъвати Ӯ паст карда мешавад. Яҳудиён вайро ҳамчун андозғундор ё корманди боҷхона бо ҳамкоронаш барои ноинсофӣ, барои андозҳои бераҳмонае ки онҳо муқаррар мекарданд, ва бештар аз ҳама барои ба империяи Рум хизмат карданашон хеле бад медиданд. Вақте ки *Исо* аз назди *боҷгоҳ мегузашт,* ба Матто *гуфт: «Аз пайи Ман биё»*. Аксуламали Матто фаврӣ буд: *вай бархоста аз пайи Ӯ равона шуд* ва кори ноинсофонаи худро тарк кард, то ки шогирди ҳақиқии Исо шавад. Чунон ки касе гуфтааст: «Вай кори манфиатнокро аз даст дод, аммо тақдири худро пайдо кард. Вай даромади хубро аз даст дод, аммо шуҳратро ёфт. Вай шароити муҳайёро ба зиндагии шавқоваре ки онро касе орзу ҳам накардааст, иваз кард». Ҳамчунин барои Матто он чиз мукофоти аҳамиятнок буд, ки вай яке аз дувоздаҳ нафар шуд ва шарафи навиштани Инҷиле ки номи вайро дорад, насибаш гашт.

**9,10** Базмеро, ки дар ин ҷо тасвир ёфтааст, Матто ба шарафи Исо барпо намуда буд (Луқ. 5,29). Ба ҳамин тариқ вай дар назди омма Масеҳро пайравӣ намуд ва Наҷотдиҳандаро ба дӯстонаш шиносонид. Табиист, ки дӯстони вай *боҷгирон* ва дигар *гуноҳкорон* буданд!

**9,11** Дар он ҷо чунин таомул буд, ки дар кат дароз кашида, рӯ ба миз хӯрок мехӯрданд. *Чун фарисиён диданд,* ки Исо бо фурӯмоягони ҷамъият ҳамнишин аст, ба назди шогирдонаш рафта, Ӯро дар ҳамнишинӣ бо гуноҳкорон айбдор карданд. Албатта, ягон пайғамбари ҳақиқӣ *бо гуноҳкорон* хӯрок намехӯрд!

**9,12** Исо инро шунида, гуфт: *«На тандурустон, балки беморон ба табиб эҳтиёҷ доранд»*. Фарисиён худро солим меҳисобиданд ва намехостанд иқрор шаванд, ки ба Исо эҳтиёҷ доранд. (Дар асл онҳо аз ҷиҳати рӯҳонӣ хеле бемор ва сахт муҳтоҷи шифоёбӣ буданд.) Боҷгирон ва гуноҳкорон, баръакс, бештар аз онҳо мехостанд ҳолати ҳақиқии худро бидонанд ва дар ҷустуҷӯи файзи наҷотдиҳандаи Масеҳ буданд. Барои ҳамин ҳам ин айбдоркунӣ ҳаққонӣ буд! Масеҳ *дар ҳақиқат*

бо гуноҳкорон хӯрок мехӯрд. Агар Ӯ бо фарисиён хӯрок мехӯрд, ин айбдоркунӣ боз бештар ҳаққонӣ мебуд! Агар Исо дар чунин ҷаҳоне чун ҷаҳони мо бо гуноҳкорон хӯрок намехӯрд, Ӯро лозим меомад, ки доим танҳо хӯрок хӯрад. Аммо ин ҷо қобили зикр аст, ки агарчи Исо бо гуноҳкорон хӯрок мехӯрд, Ӯ ҳеҷ гоҳ корҳои бади онҳоро таҳсин намекард ва шаҳодати Худро беэътибор намекард. Ӯ чунин вазъиятро танҳо барои ба ҳақиқат ва покӣ даъват кардани онҳо истифода мебурд.

**9,13** Мушкилии фарисиён дар он буд, ки агарчи онҳо маросимҳои дини яҳудиро дақиқкорона ба ҷо меоварданд, дилҳои онҳо сахт, хунук ва бераҳм буданд. Бинобар ин Исо ба онҳо гуфт, ки бираванд ва маънои суханони Яҳуваро *биомӯзанд: «Марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ»* (иқтибос аз Ҳуш. 6,6). Агарчи Худо низоми қурбонӣ оварданро муқаррар кардааст, Ӯ намехост, ки маросимҳо росткории ботиниро иваз намоянд. Худо маросимхоҳ нест, ва маросимҳои аз худотарсии шахсӣ дур, чунон ки фарисиён инро ба ҷо меоварданд, ба Ӯ мақбул нестанд. Онҳо шариатро ҳарф ба ҳарф ба ҷо меоварданд, аммо ба мухтоҷони ёрии рӯҳонӣ ҳамдардӣ надоштанд. Онҳо танҳо бо шахсони худписанд, яъне бо ҳамонандони худ муошират менамуданд.

Баръакс, Худованд Исо возеҳу равшан ба онҳо гуфт: *«Ман омадаам, ки на росткоронро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам»*. Ӯ ҳам аз ҷиҳати эҳсон ва ҳам аз ҷиҳати қурбонӣ иродаи Худоро ба таври комил ба ҷо овард. Хулоса, дар ҷаҳон росткорон нестанд, бинобар ин Ӯ барои ба *тавба* даъват намудани ҳамаи одамон омадааст. Аммо ин ҷо чунин фикре дар назар аст: даъвати Ӯ танҳо барои онҳое таъсир дорад, ки худро гуноҳкор эътироф мекунанд. Ӯ наметавонад ба онҳое шифо диҳад, ки мағрур, барои худ росткор ва тавбанопазиранд, ба монанди фарисиён.

### 3. Аз Исо дар бораи рӯза мепурсанд (9,14-17)

**9,14** Дар он ҳангом, эҳтимол, *Яҳёи* Таъмиддиҳандаро ба ҳабс гирифта буданд. Шогирдони вай ба назди Исо бо масъалае *омаданд*. Худи онҳо *бисёр* рӯза медоштанд, аммо *шогирдони* Исо *рӯза намедоштанд*. Чаро?

**9,15** Худованд ба онҳо мисол оварда, ҷавоб дод. Ӯ *Домод* буд, шогирдонаш бошанд – меҳмонони базми арӯсӣ. *То даме ки Ӯ бо онҳо* буд, лозим набуд, ки чун нишонаи мотам рӯза дошта бошанд. Аммо ҳангоме ки Ӯ *аз онҳо гирифта мешавад*, шогирдонаш *рӯза медоранд*. Ӯ аз онҳо ҳангоми марг ва дафнкунӣ гирифта шуда буд, ва ҳамчунин баъди ба осмон рафтанаш Ӯ ҷисман ҳамроҳи шогирдон набуд. Агарчи, мувофиқи суханони Исо, ба мо рӯзадорӣ фармуда нашудааст, аммо Ӯ, аз афташ, рӯзаро чун машғулияти муносибе барои ононе ки интизори бозгашти Домод ҳастанд, меписандад.

**9,16** Масъалае ки шогирдони Яҳё зикр карданд, Исоро водор намуд, то бигӯяд, ки Яҳё дар анҷоми як давра истода, давраи нави файзро эълон намуд. Масеҳ нишон дод, ки принсипҳои гуногуни ин давраҳоро набояд омехта кард. Кӯшиши омехтани шариат ва файз монанди он аст, ки бар *ҷомаи кӯҳна* аз *матои нав* дарбеҳ кунанд. Ҳангоми шустан он медарояд ва аз матои кӯҳна канда мешавад. Дар натиҷа сӯрохӣ аз пештара бадтар мешавад. Габелин дуруст зикр мекунад:

*Масеҳияти яҳудиёна, ки файз ва Хушхабарро эътироф намуда, дар баробари ин кӯшиш мекунад шариатро нигоҳ дорад ва росткориро ба воситаи шариат тарафдорӣ мекунад, дар назари Худо аз Исроили эътирофкунанда, ки дар гузашта ба бутҳо саҷда менамуд, нафратовартар аст.*[13]

**9,17** Ин омехтакуниро инчунин ба *шароби нав, ки ба машки кӯҳна андохта шудааст,* метавон монанд кард. Фишоре ки аз турш шуда ҷӯшидани шароби нав бармеояд, машки кӯҳнаро медаронад, чунки он аллакай чандирии худро гум кардааст. Ҳаёт ва озодии Хушхабар машки маросимпарастиро медаронад.

Фаро расидани давраи масеҳият ногузир боиси шиддатнокӣ мешуд. Хурсандиеро, ки Исо овард, наметавон бо шаклҳо ва маросимҳои Аҳди Қадим мутобиқ намуд. Бояд тартиби тамоман нави ашё бошад. Петтингил инро ба таври зайл мефаҳмонад:

*Ҳамин тавр Подшоҳ шогирдони Худро аз омехтани кӯҳна ... ва нав ... барҳазар дошт. Аммо ба ин нигоҳ накарда ин ҳамон корест, ки дар олами масеҳӣ карда шуд. Яҳудият дар байни ҳамаи ҷамоатҳои масеҳӣ қабул карда шудааст, ва ба либоси кӯҳна тамғаи «Масеҳият» часпонида шудааст.*

*Дар натиҷа омехтаи бетартиб ҳосил мешавад: на яҳудият, на масеҳият, балки бо корҳои мурда иваз намудани имон ба Худои зинда. Шароби нави наҷот ба воситаи файз ба машки кӯҳнаи шариатпарастӣ андохта шудааст, ва натиҷааш чист? Ана ин тавр: машк кафида медарад, шароб бошад мерезад, ва қисми зиёди ин ҷуръаҳои пурқимати ҳаётбахш ҳайф мешавад. Шариат қувваи тарсонандаи худро гум кардааст, чунки бо файз омехта шудааст, ва файз зебоӣ ва табиати худро гум кардааст, чунки бо корҳои шариат омехта шудааст.*[14]

## И. Қудрати шифо додани беморони сиҳатнашаванда ва зинда кардани мурдагон (9,18-26)

**9,18-19** Муҳокимаронии Исоро дар бораи тағйири шариат сардори аз андӯҳ чун девона гардидаи куништ қатъ намуд, ки духтараш ҳозир мурда буд. Вай пеши Худованд зону зад, ва илтиҷо намуд, ки омада, духтарашро ба ҳаёт баргардонад. Рафтори вай тамоман ғайриодӣ буд: сардори куништ аз Исо ёрӣ металабид! Бисёрии роҳбарони яҳудӣ аз хашм ва нафрати шариконашон метарсиданд. *Исо* имони вайро ба инобат гирифта, ҳамроҳи шогирдонаш ба хонаи ин сардор равона шуд.

**9,20** Халали дигар! Акнун ин *зане* буд, ки *дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буд.* Ин гуна дахолатҳо ҳеҷ гоҳ ба Исо дилбазан намешуданд. Ӯ ҳамеша ботамкин ва дастрас буда, бо камоли майл ёрӣ мерасонд.

**9,21-22** Илми тиб ба ин зан ёрӣ дода натавонист; амалан ҳолати вай бадтар мешуд (Марқ. 5,26). Дар муҳтоҷии сахт буда, вай Исоро вохӯрд, ё ба ҳар ҳол Ӯро дид, ки дар атрофаш мардуми зиёде буданд. Бо боварӣ ба он ки Ӯ метавонад ва мехоҳад ба вай шифо бахшад, зан аз байни тӯда ба Ӯ наздик омада, канори *либоси* Ӯро ламс кард. Ӯ ҳеҷ гоҳ имони ҳақиқиро пайхас накарда намемонад. Ӯ ба ақиб гашта, шифо ёфтани вайро эълон кард. Бори аввал дар давоми дувоздаҳ сол *зан* ҳис кард, ки *сиҳат шуд.*

**9,23-24** Нақл боз ба сардори куништ, ки духтараш мурда буд, бармегардад. Ҳангоме ки Исо ба хона наздик шуд, навҳагарони касбӣ, чунон ки касе гуфтааст, «бо андӯҳи сунъӣ» оҳу фиғон мекарданд. Ӯ фармуд, ки хонаро аз ҳозирон холӣ кунанд, ва дар айни замон эълон намуд, ки *духтар намурдааст, балки хобидааст.* Аксари муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас чунин меҳисобанд, ки Худованд калимаи «хобидааст»-ро ба маънои маҷозӣ истифода бурда, «марг»-ро дар назар дошт. Аммо дигарон ақида доранд, ки духтар дар ҳолати кома буд. Ин гуна маънидодкунӣ қудрати Исоро дар зинда карда тавонистани духтар рад намекунад, ҳатто агар вай мемурд ҳам; аммо ин таъкид мекунад, ки Исо поквиҷдон буд ва растохези мурдаро ба Худ нисбат намедод, дар ҳоле ки вай дар асл намурда бошад. Сэр Роберт Андерсон ин ақидаро дастгирӣ кардааст. Вай ба он ишора кардааст, ки падар ва ҳозирони дигар гуфтанд, ки вай мурдааст, аммо Исо гуфт: *«Не».*

**9,25-26** Ба ҳар ҳол, Худованд *дасти* духтарро *гирифт* ва муъҷиза ба амал омад: вай бархост. Муддати зиёде нагузашта, хабари ин муъҷиза ба тамоми маҳал паҳн шуд.

## Й. Қудрати додани биноӣ (9,27-31)

**9,27-28** Вақте ки *Исо* аз хонаи сардори куништ *рафт, ду кӯр аз пайи Ӯ рафта,* илтиҷо мекарданд, ки ба онҳо биноиро баргардонад. Ин ду нафар биноии табиӣ надоштанд, аммо биноии тези рӯҳонӣ доштанд. Ба Исо чун ба *Писари Довуд* муроҷиат карда, онҳо Ӯро Масеҳе ки дер боз интизораш буданд ва Подшоҳи ҳақиқии Исроил эътироф мекарданд. Ва онҳо медонистанд, ки вақте Масеҳ меояд, яке аз ваколатномаҳои Ӯ қудрати ба нобиноён баргардонидани биноӣ хоҳад буд (Иш. 35,5; 42,7). Ҳангоме ки Исо имони онҳоро санҷида, пурсид, ки оё бовар доранд, ки Ӯ *ин корро карда метавонад* (ба онҳо биноӣ бахшад), онҳо бе дудилагӣ ҷавоб доданд: *«Оре, эй Хоҷа!»*

**9,29-30** Он гоҳ Табиби бузург *ба чашмони онҳо даст расонда* бовар кунонд, ки аз сабаби имонашон хоҳанд дид. Ҳамон дам чашмони ҳар ду комилан сиҳат шуданд.

Одамон мегӯянд: «Аввал дидан, сипас бовар кардан». Худо мегӯяд: «Бовар кардан дидан аст». Исо ба Марто мегуфт: «Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ, ҷалоли Худоро мебинӣ?» (Юҳ. 11,40). Муаллифи Нома ба Ибриён навиштааст: «Бо имон дарк мекунем ...» (11,3), расул Юҳанно навишта буд:

«Ба шумо, ки ... имон доред, инро навиштаам, то донед ...» (1Юҳ. 5,13). Худо аз он хел имон, ки аввал муъҷиза металабад, норозӣ аст. Ӯ мехоҳад, ки мо ба Ӯ танҳо барои он имон дошта бошем, ки Ӯ Худост.

Чаро Исо ба шифоёфтагон *таъкид карда, гуфт,* ки ба ҳеҷ кас дар бораи муъҷиза нақл накунанд? Аз зикр ба Матто 8,4 метавон тахмин намуд, ки Ӯ, эҳтимол, намехоҳад пеш аз вақт ҳаракатро барои ба тахти подшоҳӣ нишондани Ӯ барангезад. Халқ ҳанӯз бовар накарда буд, ва то даме ки онҳо аз олами боло зода нашаванд, Ӯ наметавонад бар онҳо подшоҳӣ кунад. Илова бар ин, шӯриши инқилобӣ барои Исо метавонист боиси қасоси даҳшатовари ҳукумати Рум шавад. Ба ғайр аз ин, Худованд Исо мебоист ба салиб мебаромад, пеш аз он ки чун Подшоҳ ҳукмронӣ карда тавонад. Ҳамаи он чи барояш роҳро ба сӯи Ҷолҷолто мебаст, нақшаи пешакӣ муайяншудаи Худоро тағйир медод.

**9,31** Ин ду шахс, ки барои бозгардонидани биноияшон бениҳоят миннатдор буданд, шифоёбии муъҷизаноки худро ба ҳама ҷо овоза карданд. Агарчи мо, шояд, кори онҳоро мефаҳмем ва ҳатто аз ин шаҳодати пурэҳсоси онҳо ба ваҷд меоем, ҳақиқат он аст, ки беитоатии комили онҳо ночор боиси зарари бештаре назар ба фоида шуд, ва дар байни одамон на диққати пур аз Рӯҳ, балки диққати рӯякиро барангехт. Ҳатто хоҳиши пурэҳтирос барои ифода намудани миннатдорӣ наметавонад беитоатиро сафед кунад.

### Й. Қудрати воз кардани даҳонҳо (9,32-34)

**9,32** Аввал Исо ба мурда ҳаёт бахшид, сипас ба нобиноён биноӣ дод, акнун ба гунг қобилияти сухангӯӣ медиҳад. Аз афташ, мо дар ин ҷо тартиби муайяни муъҷизаҳоро мебинем: аввал ҳаёт, баъд фаҳмиш ва сипас шаҳодат.

Рӯҳи нопок боиси гунгии ин одам шуда буд. Касе дар бораи он ғамхорӣ кард, ки вайро ба назди Исо биёранд. Бигузор Худо тӯдаи номбарнашудагонро, ки воситаи Ӯ шуда, дигаронро ба назди Исо оварданд, баракат диҳад!

**9,33** Ҳамин ки *дев берун карда шуд, гунг ба гап даромад.* Бегуфтугӯ, мо метавонем тахмин кунем, ки ин одам тамоми қувваи сухангӯии барқароршудаи худро барои ҳамду сано ва шаҳодат дар бораи Оне ки вайро шифо дод, истифода бурд. Одамони одӣ мефаҳмиданд, ки *Исроил* шоҳиди муъҷизаҳои беҳамто шудааст.

**9,34** *Лекин фарисиён* ба онҳо ҷавоб медоданд, ки Исо *девҳоро ба воситаи роҳбари девҳо берун мекунад.* Ин айбномаро Исо дертар гуноҳи нобахшиданӣ номид (12,32). Ба қудрати иблис нисбат додани муъҷизаҳое ки Ӯ бо Рӯҳулқудс ба амал меовард, куфр бар зидди Рӯҳулқудс аст. Дар ҳоле ки дигарон аз ламси шифодиҳандаи Масеҳ баракат меёфтанд, фарисиён рӯҳан мурда ва нобинову гунг мемонданд.

## VI. РАСУЛОНИ МАСЕҲ-ПОДШОҲ БА ИСРОИЛ ФИРИСТОДА МЕШАВАНД (9,35–10,42)

### А. Эҳтиёҷ ба даравгарон (9,35-38)

**9,35** Аз ин оят гардиши сеюми Ҷалилӣ сар мешавад. Исо *дар шаҳрҳо ва деҳаҳо гашта,* Хушхабари *Подшоҳиро* мавъиза мекард, ки Ӯ Подшоҳи Исроил аст ва агар халқ тавба карда, Ӯро ҳамчун Подшоҳ эътироф намояд, Ӯ бар он подшоҳӣ хоҳад кард. Дар ин вақт ба Исроил самимона Подшоҳӣ пешниҳод карда мешуд. Чӣ мешуд, агар Исроил онро қабул мекард? Навиштаи Муқаддас ба ин савол ҷавоб намедиҳад. Мо медонем, ки Масеҳ хоҳ-нохоҳ бояд мемурд, то асоси одилонае барпо намояд, ки Худо ба он такя карда, гуноҳкоронро барои тамоми замонҳо сафед кунад.

Таълим дода ва мавъиза карда, Масеҳ ҳар гуна бемориҳо ва хастагиҳои одамонро шифо медод. Чунон ки муъҷизаҳо тавсифкунандаи омадани аввали Масеҳ дар фурӯтанӣ ва файз буданд, ҳамчунин онҳо нишондиҳандаи омадани дуюми Ӯ дар қудрат ва ҷалоли бузург хоҳанд буд (муқоиса кунед: Ибр. 6,5 «қувваҳои олами оянда»).

**9,36** Ҳангоме ки вай ба тӯдаи исроилиёни бемадор ва нотавон менигарист, Ӯ онҳоро чун *гӯсфандоне* медид, ки *чӯпон* надоранд. Дили калони пур аз *раҳми Ӯ ба онҳо* дилсӯзӣ пайдо намуд. Оҳ, кошки мо метавонистем дар бораи азоб ва ҳолати рӯҳонии гумроҳшудагон ва нобудшавандагон бештар донем. Мо бояд ҳамеша чунин дуо кунем:

*Ёрӣ расон, то ман ба ин тӯдаи мардум чунон нигарам, ки Наҷотдиҳанда*

*менигарист, то даме ки чашмонам аз ашкҳо хира шаванд. Ёрӣ расон, то ба ин гӯсфандони гумроҳ бо ҳамдардӣ нигарам ва онҳоро ба хотири муҳаббати Ӯ дӯст дорам.*

**9,37** Кори азими дарави рӯҳониро ба ҷо овардан лозим буд, аммо *коргарон кам* буданд. Ин мушкилӣ, аз афташ, ҳоло ҳам вуҷуд дорад: эҳтиёҷ ҳамеша аз қувваи корӣ бештар аст.

**9,38** Худованд Исо ба шогирдон фармуд, то *аз Соҳиби дарав илтимос кунанд, ки ба дарави Худ коргар фиристонад.* Аҳамият диҳед, ки дар ин ҷо эҳтиёҷ на маънои даъватро дорад. Коргарон набояд *раванд,* то даме ки онҳоро *фиристанд.*

*Масеҳ, Писари Худо, маро ба кишварҳои нимишабӣ равона кард.*
*Дастони сӯрохгардидаи Ӯ маро ба ин кор даъват намудаанд.*

Герҳард Терстеген

Исо шахсияти *Соҳиби даравро* аниқ намекунад. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки ин Рӯҳулқудс аст. Дар боби 10,5 Исо худаш шогирдонро мефиристад, ва аз ин бояд аён бошад, ки Худи Ӯ Ҳамонест, ки ба Ӯ дар масъалаи хушхабаррасонии ҷаҳон бояд дуо кунем.

### Б. Даъват намудани дувоздаҳ шогирд (10,1-4)

**10,1** Дар ояти охирини боби 9-ум Худованд шогирдони Худро ба дуое водор менамуд, то коргарон бештар бошанд. Барои он ки ин дуо самимӣ бошад, коргарон худашон бояд хоҳиши ба кор рафтан дошта бошанд. Бинобар ин мо дар ин ҷо дармеёбем, ки Худованд *дувоздаҳ шогирди Худро* даъват мекунад. Ӯ аллакай онҳоро интихоб кард, ва акнун онҳоро ба хизмати махсуси хушхабаррасонӣ барои халқи Исроил даъват менамояд. Ҳамроҳи даъват ба онҳо қудрати пеш кардани рӯҳҳои нопок ва шифо додани ҳар гуна бемориҳо дода шуда буд. Дар ин ҷо беҳамтоии Исо дида мешавад. Дигарон низ муъҷиза ба амал меоварданд, аммо ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ ин қудратро ба касе таҳвил надодааст.

**10,2-4** *Инак номҳои дувоздаҳ шогирд:*

1. *Шимъун, ки Петрус номида шуда буд.* Вай пурҳарорат, олиҳиммат ва дӯстдор буда, табиатан сарвар буд.
2. *Андриёс, бародараш.* Вайро Яҳёи Таъмиддиҳанда бо Исо шиносонида буд (Юҳ. 1,36. 40). Баъд вай бародараш Петрусро назди Ӯ овард. Аз ҳамон вақт ба назди Исо овардани дигарон машғулияти вай шуд.
3. *Яъқуб ибни Забдой,* ки дертар вайро Ҳиродус қатл кард (Аъм. 12,2), – аввалини дувоздаҳ нафар, ки бо марги риёзаткашона мурд.
4. *Юҳанно, бародараш.* Ҳамчунин писари Забдой; вай шогирде буд, ки Исо дӯсташ медошт. Ба шарофати вай мо Инҷили чорум, се нома ва Ваҳйро дорем.
5. *Филиппус.* Сокини Байт-Сайдо, вай Натанъилро ба назди Исо овард. Вайро бояд аз Филиппуси хушхабаррасон дар китоби Аъмол фарқ кунем.
6. *Барталмо.* Чунин ҳисобида мешавад, ки ин ҳамон Натанъил аст, исроилие ки Исо дар вай макре наёфт (Юҳ. 1,47).
7. *Тумо,* ки боз «Дугоник» низ номида мешуд, одатан чун «Тумои шубҳакунанда» маълум аст; аммо шубҳаҳои вай боиси ҳамду санои аҷиб ба Масеҳ гардиданд (Юҳ. 20,28).
8. *Матто.* Собиқ андозғундор, ки ин Инҷилро навиштааст.
9. *Яъқуб ибни Ҳалфой.* Дар бораи вай ягон чизи аниқ маълум нест.
10. *Лаббой, ки лақабаш Таддо буд.* Вай ҳамчунин бо номи Яҳудо ибни Яъқуб маълум аст (Луқ. 6,16). Ягона гуфтаи вай дар Юҳ. 14,22 навишта шудааст.
11. *Шимъуни Қанно,* ки Луқо вайро Ғаюр меномад (6,15).
12. *Яҳудои Исқарют,* таслимкунандаи Худованди мо.

Шогирдон он вақт тахминан аз бист то сисола буданд. Онҳо аз роҳҳои гуногуни зиндагӣ даъват шуда буданд ва, эҳтимол, лаёқатҳои ин ҷавонон миёна буд. Бузургии аслии онҳо дар мушоракаташон бо Исо буд.

### В. Фиристодан ба Исроил (10,5-33)

**10,5-6** Сипас ин боб нишондодҳои Исоро оид ба сафари махсуси мавъизагарӣ ба *хонадони Исроил* дар бар мегирад. Онро бо фиристодани ҳафтод шогирд (Луқ. 10,1) ё бо Супориши бузург (Мат. 28,19.20), ки дертар рӯй доданд,

набояд омехта кунем. Ин супориши муваққатие буд бо мақсади махсус: эълон кардани он ки *Подшоҳии Осмон* наздик шудааст. Агарчи баъзе қонунҳо барои халқи Худо арзиши ҳамешагиро барои ҳамаи асрҳо доранд, он ҳақиқат, ки баъзеи онҳоро дертар Худованд Исо бекор кард, исбот мекунад, ки онҳо на барои доимӣ амал кардан дода шуда буданд (Луқ. 23,35.36).

Аввал хатти ҳаракат дода мешавад. Шогирдон набояд назди *ғайрияҳудиён* ё *сомариён* – қабилаи омехтае ки барои яҳудиён манфур буданд, мерафтанд. Хизмати онҳо дар он вақт танҳо ба *гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил* маҳдуд карда шуда буд.

**10,7** Вазифаи онҳо хабар додан дар бораи он мебошад, ки *Подшоҳии Осмон наздик аст*. Агар Исроил ин хабарро қабул накунад, барои вай узре нахоҳад буд, зеро эълони расмӣ махсус барои онҳо карда шуда буд. Подшоҳии Осмон дар шахси Подшоҳ наздик шудааст. Исроил бояд ба қароре ояд: Ӯро қабул кунанд ё рад кунанд.

**10,8** Ба шогирдон ваколатномаҳо дода шуда буданд, то рисолати онҳо тасдиқ карда шавад: Онҳо бояд *беморонро шифо* медоданд, *махавиёнро пок* мекарданд, *мурдагонро эҳё*[15] мекарданд *ва девҳоро берун* мекарданд. Яҳудиён мӯъҷиза талаб мекарданд (1Қур. 1,22), бинобар ин Худо меҳрубонона илтифот намуда, ба онҳо ин мӯъҷизаҳоро дод.

Дар хусуси мукофот бошад намояндагони Худованд набояд барои хизматашон ягон хел музд гиранд. Онҳо баракатҳоро муфт гирифтанд ва онҳоро бояд муфт ба дигарон бидиҳанд.

**10,9-10** Онҳо набояд барои сафар хӯрокворӣ захира мекарданд. Охир онҳо исроилӣ буданд, ки ба исроилиён мазъиза мекарданд, ва дар миёни исроилиён қоидае маъмул буд, ки шахси меҳнаткаш сазовори ғизо аст. Бинобар ин онҳо набояд бо худ *тилло, нуқра, мис, тӯрба, ду пероҳан, пойафзол ё асо* мегирифтанд. Эҳтимол, ин ҷо пойафзоли эҳтиётӣ ё асои эҳтиётӣ дар назар дошта шудааст, зеро дар дасташон аллакай асое буд, ки иҷозати бо худ бурдани онро доштанд (Марқ. 6,8). Маънои ин гуна рафтор чунин аст: эҳтиёҷоти онҳо мувофиқи принсипи «ҳар рӯз барои худ ғамхорӣ мекунад» қонеъ карда мешаванд.

**10,11** Онҳо дар бораи *манзил* чӣ гуна бояд ғамхорӣ мекарданд? Ҳангоме ки онҳо ба *шаҳр* медаромаданд, бояд дар он ҷо соҳибхонаи *шоистаро* меҷустанд, ки онҳоро чун шогирдони Худованд қабул мекард ва барои қабул кардани хабари овардаашон ҳозир мебуд. Агар онҳо чунин соҳибхонаро ёбанд, пас беҳтараш тамоми вақти дар ин шаҳр буданашон дар он ҷо бимонанд, ҳатто агар шароити беҳтари зиндагӣ ёфт шавад.

**10,12-14** Агар хонадон онҳоро қабул кунад, онҳо бояд онҳоро баракат диҳанд ва барои меҳмондорӣ бо эҳтиром ва бо мамнуният шодбош гӯянд. Аз тарафи дигар, агар хонадон фиристодагони Худовандро қабул накунад, пас зарурате нест, то дуо гӯянд, ки осоиши Худо дар он хонадон бошад, яъне онҳо набояд ба ин хонадон баракат мехостанд. Ва на танҳо ин: онҳо мебоист норозигии Худоро нишон дода, *чанги пойҳои худро* афшонанд. Шогирдони Масеҳро рад карда, хонавода Худи Ӯро рад мекард.

**10,15** Исо огоҳ кард, ки дар *рӯзи доварӣ* ин гуна радкунӣ боиси ҷазои бештаре назар ба ҷазои *Садӯм* ва *Амурои* фосидшуда хоҳад шуд. Ин суханон исботи онанд, ки дар дӯзах дараҷаҳои гуногуни ҷазо хоҳанд буд, вагарна чӣ гуна ҳолати як гурӯҳ аз дигаре *сабуктар* буда метавонад?

**10,16** Дар ин оятҳо Исо ба дувоздаҳ шогирди Худ маслиҳат медиҳад, ки агар таъқибот сар шаванд, бояд чӣ кор кунанд. Онҳо, *мисли гӯсфандон дар миёни гургон,* дар иҳотаи одамоне хоҳанд буд, ки қасди нобуд кардани онҳоро доранд. Онҳо бояд *мисли морон зирак* буда, аз муқобилияти бефоида ва вазъиятҳои хатарнок канораҷӯӣ намоянд. Онҳо бояд *мисли кабӯтарон сода* ва таҳти ҳимояи зиреҳи хислати росткорона ва имони бериё бошанд.

**10,17** Онҳо инчунин бояд аз яҳудиёни нобовар ҳазар кунанд, ки онҳоро *ба маҳкамаҳо хоҳанд супурд ва дар куништҳои худ қамчинкорӣ хоҳанд кард*. Таъқиботи онҳо ҳам шаҳрвандӣ ва ҳам динӣ хоҳанд буд.

**10,18** Ба хотири Масеҳ онҳоро *назди ҳокимон ва подшоҳон хоҳанд бурд*. Аммо кори Худо бар бадии инсон ғолиб хоҳад шуд. «Инсон мақсади бад дорад, аммо Худо роҳи Худро дорад». Ҳангоми мағлубияти зоҳирӣ шогирдон афзалияти беҳамтое хоҳанд дошт – дар назди ҳокимон ва *халқҳо* шаҳодат додан. Худо ҳамаи ҳодисаҳоро ба некӣ мегардонад. Масеҳият аз ҳокимияти шаҳрвандӣ хеле азият

кашидааст, агарчи «ҳеҷ як таълимот барои ҳукуматдорон фоидаи бештаре наовардааст».

**10,19-20** Шогирдон набояд пешакӣ тайёрӣ бинанд, ки ҳангоми пурсиш чӣ гӯянд. Чун ин вақт фаро расад, *Рӯҳи* Худо хиради поки даркориро барои чунон ҷавоб додан медиҳад, ки Масеҳро ҷалол дода, айбдоркунандагонро парешонфикр ва шармсор намоянд. Дар тафсири ояти 19 бояд аз ду ифрот барканор буд. Аввалан, содалавҳона аст фикр кунем, ки масеҳӣ ҳеҷ вақт набояд пешакӣ ба мавъиза омода шавад. Сониян, ақидае ҳаст, ки ин оят ба замони мо дахл надорад. Дуруст ва мувофиқи мақсад он аст, ки мавъизагар назди Худо дуо гуфта, барои ҳар як ҳолати мушаххас суханӣ мувофиқро интизор шавад. Аммо он низ ҳақиқат аст, ки дар вазъияти бӯҳронӣ ҳамаи имондорон метавонанд ба ваъдаи Худо умед банданд, ки барои бо илҳоми илоҳӣ сухан гуфтан хирад ато менамояд. Онҳо барои Рӯҳи Падари мо баландгӯяк мешаванд.

**10,21** Исо шогирдони Худро огоҳ намуд, ки онҳо бо хиёнат ва бевафоӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. *Бародар* бар *бародари* худ хабаркашӣ хоҳад кард. *Падар фарзанди* худро таслим хоҳад кард. *Фарзандон бар зидди падарону модарон* шаҳодат хоҳанд дод, ва дар натиҷа волидон кушта хоҳанд шуд.

Ҷ. К. Макаулӣ дар ин хусус хуб гуфтааст:

*Мо нафрати ҷаҳонро таҳаммул намуда, дар муҳити хубе ҳастем ... Хизматгор аз дасти душман муомилаи беҳтареро аз он чи Худованд аз сар гузаронид, интизор буда наметавонад. Агар дар ҷаҳон барои Исо чизи беҳтаре аз салиб ёфт нашуд, пас барои пайравонаш низ фойтуни тиллоӣ ёфт нахоҳад шуд; агар барои Ӯ танҳо хорҳо буданд, пас барои мо гулчанбар нахоҳад буд ... Танҳо биёед дилпурӣ ҳосил мекунем, ки ҷаҳон моро дар ҳақиқат «ба хотири Масеҳ» бад мебинад ва дар мо ягон чизи нафратовар ва нолоиқ барои Худои меҳрубон, ки мо намояндааш ҳастем, нест.*[16]

**10,22-23** *Ҳама* аз шогирдон *нафрат мекунанд* – на ҳама бе истисно, балки дар ҳама фарҳангҳо, миллатҳо, синфҳо ва ғайра. *«Лекин ҳар ки то ба охир сабр кунад, наҷот меёбад»*. Агар ин оятро дар алоҳидагӣ гирем, шояд чунин намояд, ки наҷотро бо сабри суботкорона ноил шудан мумкин аст. Мо медонем, ки ин суханонро набояд чунин тафсир кунем, чунки дар тамоми Навиштаҳо нишон дода мешавад, ки наҷот тӯҳфаи ихтиёрии файзи Худо ба воситаи имон аст (Эфс. 2,8.9). Ин оят ҳамчунин он маъноро надорад, ки вафодорони Масеҳ аз марги табиӣ халосӣ меёбанд, зеро дар ояти пешина марги баъзе шогирдони вафодор пешгӯӣ карда шудааст. Тафсири содатарин ҳамин аст: сабр нишонаи наҷотёфтагони ҳақиқист. Ононе ки ҳангоми таъқибот то ба охир сабр мекунанд, бо суботкории худ нишон медиҳанд, ки имондорони ҳақиқӣ мебошанд. Ҳамин гуна суханро мо дар Мат. 24,13 меёбем. Он ба бақияи бовафои яҳудиён дар давраи мусибати азим дахл дорад, ки садоқати худро ба Худованд Исо аз даст додан нахостанд. Сабри онҳо возеҳ нишон медиҳад, ки онҳо шогирдони ҳақиқӣ мебошанд.

Дар порчаҳои Навиштаи Муқаддас, ки дар бораи оянда мегӯянд, Рӯҳи Худо аксар вақт азояндаи наздик баояндаи дур мегузарад. Пешгӯӣ метавонад маънои нопурраи ба замони наздик дахлдор дошта, дар замони нисбатан дур иҷроиши пурра дошта бошад. Масалан, ду омадани Масеҳ метавонанд дар як порча бе тафсир якҷоя карда шаванд (Иш. 52,14.15; Мик. 5,2-4). Дар оятҳои 22 ва 23 Худованд Исо ҳамин гуна гузариши пешгӯиро ба кор мебарад. Ӯ шогирдони Худро аз он азиятҳое огоҳ мекунад, ки ба хотири Ӯ хоҳанд кашид; сипас вай, аз афташ, ба замони мусибати азим мегузарад ва шогирдонро чун намояндагони хоси пайравони содиқи яҳудии Худ мебинад. Ӯ аз азиятҳои масеҳиёни аввалин ба азиятҳое мегузарад, ки имондорон пеш аз омадани дуюми Ӯ аз сар хоҳанд гузаронд.

Қисми аввали ояти 23-ро метавон ба дувоздаҳ шогирд мансуб донист: *«Агар дар шаҳре шуморо таъқиб кунанд, ба дигаре гурезед»*. Зарур нест, ки онҳо зери зулму ситам монанд, агар имкони бовиҷдононаи аз он канораҷӯӣ кардан бошад. «Аз хатар барҳазар будан гуноҳ нест. Аз иҷрои вазифа гурехтан гуноҳ аст».

Қисми ояти 23 моро ба оянда мегузаронад, ба рӯзҳои пеш аз зуҳури Масеҳ барои подшоҳӣ: *«... пеш аз он ки ҳамаи шаҳрҳои Исроилро тай кунед, Писари Одам меояд»*. Ин калимаҳо ба хизмати шогирдон дахл дошта наметавонанд, чунки Писари Одам аллакай омад. Баъзе муаллимони Навиштаи Муқаддас ин оятро чун ишора ба вайрон карда шудани Уршалим дар соли 70-уми асри мо мефаҳманд.

Аммо фаҳмидан душвор аст, ки чаро дар бораи ин вайроншавӣ чун дар бораи «омадани Писари Одам» гуфтан мумкин аст. Дар ин ҷо дидани омадани дуюми Ӯ ба ҳақиқат наздиктар менамояд. Дар замони мусибати азим бародарии яҳудии ба Масеҳ содиқ дар ҳама ҷо Хушхабари Подшоҳиро паҳн хоҳад кард. Онҳоро таъқиб ва пеш хоҳанд кард. Аммо то тамоми шаҳрҳои Исроилро давр задани онҳо Масеҳ бармегардад, то ки душманонашро доварӣ намояд ва Подшоҳии Худро барқарор кунад.

Шояд чунин намояд, ки байни ояти 23 ва Матто 24,14 зиддият ҳаст. Ин ҷо ишора шудааст, ки на ҳамаи *шаҳрҳои Исроилро* то омадани *Писари Одам* давр хоҳанд зад. Он ҷо гуфта мешавад, ки то омадани дуюми Ӯ Хушхабари Подшоҳӣ дар тамоми ҷаҳон мавъиза карда мешавад. Аммо ин ҷо мухолифате нест. Хушхабар дар тамоми ҷаҳон мавъиза карда мешавад, агарчи шарт нест, ки ба ҳар як одам. Аммо ин мавъиза боиси зиддияти сахт хоҳад шуд, дар Исроил мавъизагаронро бераҳмона таъқиб карда, садди роҳашон хоҳанд шуд. Бинобар ин онҳо ҳамаи шаҳрҳои Исроилро давр намезананд.

**10,24-25** Шогирдони Худованд бисёр вақт имкон доштанд ҳайрон шаванд, ки чаро ба онҳо муносибати бад мекунанд. Агар Исо Масеҳ буд, чаро шогирдони Ӯ бояд азият кашанд, ба ҷои он ки подшоҳӣ кунанд? Дар оятҳои 24 ва 25 Масеҳ ошуфтагии онҳоро пешакӣ фаҳмида, ҷавоб медиҳад, ба тавре ки дар бораи муносибатҳояшон бо Ӯ хотиррасон мекунад. Онҳо шогирдон мебошанд, ва Ӯ Устод аст. Онҳо хизматгоронанд ва Ӯ Хоҷаи онҳост. Онҳо аҳли хона, Ӯ бошад Соҳиби хона аст. Шогирд будан маънои пайрави Устод буданро дорад, на ин ки аз Ӯ болотар будан. Хизматгорон набояд интизори он бошанд, ки бо онҳо назар ба Соҳибашон беҳтар муомила хоҳанд кард. Агар соҳиби муҳтарами хонаро *«Баал-Забул»* («Сардори магасҳо»– худои экрӯниён, ки номи вайро яҳудиён ба ҷои номи «иблис» истифода мебурданд) номида бошанд, пас *аҳли хонаи Ӯро* беш аз ин таҳқир хоҳанд кард. Шогирд будан ба монанди Устод радшуда будан аст.

**10,26-27** Худованд се бор ба шогирдонаш мегӯяд, «натарсед» (оятҳои 26, 28, 31). Аввалан, онҳо бояд аз ғалабаи зоҳирии душманонашон *натарсанд*. Кори Ӯ дар рӯзи оянда бошарафона сафед карда мешавад. То ҳол Хушхабари Ӯ *ниҳон* буда, таълимоташ нисбатан *махфӣ* буд. Аммо ба зудӣ шогирдон бояд таълимоти масеҳиро, ки то ҳол ниҳонӣ, на дар пеши ҷамъият нақл карда мешуд, далерона эълон намоянд.

**10,28** Аввалан, шогирдон бояд аз ғазабе ки қобили куштан аст, *натарсанд*. Бадтарин чизе ки одамон карда метавонанд, *куштани ҷисм* аст. Марги ҷисмонӣ – барои масеҳӣ мусибати бадтарин нест. Мурдан – бо Масеҳ будан аст, ва ин хеле беҳтар аст. Марг – озодшавӣ аз гуноҳ, андӯҳҳо, бемориҳо, азобҳо ва марг ва гузаштан ба ҷалоли ҷовидонӣ аст. Дигар хел гӯем, бадтарин коре ки одамон карда метавонанд, дар асл беҳтарин чизест, ки метавонад бо фарзанди Худо рӯй диҳад.

Шогирдон бояд аз одамон натарсанд, балки аз Ӯ ҳаросон бошанд, ки ҳам ҷисм ва ҳам ҷонро дар дӯзах нобуд карда метавонад. Талафоти калонтарин – ҷудоии ҷовидонӣ аз Худо, аз Масеҳ ва аз умед аст. Марги рӯҳонӣ – талафотест, ки андоза кардан намешавад, ва маргест, ки бо ҳеҷ нархе аз он барканор шудан имкон надорад.

Суханони Исо дар ояти 28 навиштаҷоти болои қабри марди Худо Ҷон Ноксро ба хотир меоранд: «Ин ҷо шахсе хобидааст, ки аз Худо чунон метарсид, ки ҳеҷ гоҳ аз чеҳраи ягон одам наметарсид».

**10,29** Дар байни азиятҳои даҳшатнок буда, шогирдон бояд бовар мекарданд, ки Худо барои онҳо ғамхорӣ мекунад. Худованд инро дар мисоли гунҷишке ки дар ҳама ҷо ҳаст, ба мо меомӯзад. Дутои ин парандагони беарзиш *ба як тин фурӯхта мешуданд*. Аммо ба ҳар ҳол *ягонтои онҳо бе хости Падар,* бе он ки Ӯ бохабар бошад ё ҳозир бошад, намемурад. Чунон ки касе гуфтааст: «Худо дар дафнкунии ҳар як гунҷишк ҳозир аст».

**10,30-31** Худи ҳамон Худо, ки барои ҳар як гунҷишк шахсан шавқманд аст, ҳамаи *мӯйҳои сари* ҳар як фарзандашро доимо ба ҳисоб мегирад. Як қабза мӯй, албатта, аз гунҷишке камтар арзиш дорад. Ин далели он аст, ки халқи Ӯ барои Ӯ аз *гунҷишкон* дида хеле *бартарӣ доранд*. Пас, оё мешояд, ки мо битарсем?

**10,32** Дар асоси муҳокимарониҳои пештара, чӣ чиз барои шогирдони Масеҳ аз он оқилонатар буда метавонад, ки Ӯро *дар назди одамон* бебокона *эътироф кунанд?* Подоши

ҳар гуна шармсорӣ ё шармандагие ки онҳо аз сар мегузаронанд, дар осмон дода хоҳад шуд, вақте Худованд Исо онҳоро *дар назди Падари Худ* эътироф мекунад. Ин ҷо ба эътирофи Масеҳ дохил мешаванд: бахшидани ҳаёти худ ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда, ва дар натиҷаи ин бо ҳаёт ва бо даҳон эътироф намудани Ӯ. Ин роҳ аксари дувоздаҳ шогирдро ба эътирофи шахсии Худованд ба воситаи марги риёзаткашона овард.

**10,33** Инкор кардани Масеҳ дар замин боиси инкор шудан *назди Падар дар осмон* хоҳад буд. Дар ин ҳол инкор кардани Масеҳ маънои рад кардани даъвои Ӯро ба ҳаёти касе дорад. Онҳое ки ҳаёташон дар амал мегӯяд: «Ман ҳеҷ гоҳ Туро намешинохтам», дар охир суханони Масеҳро хоҳанд шунид: «Ман ҳеҷ гоҳ туро намешинохтам». Худованд ин ҷо на инкоркунии муваққатиро дар зери фишор дар назар дорад, чунон ки бо Петрус буд, балки чунин инкоркуние ки одатӣ ва ниҳоӣ мешавад.

### Г. На осоиш, балки шамшер (10,34-39)

**10,34** Суханони Худованди моро бояд маҷозан фаҳмид, вақте натиҷаҳои аёни омадани Ӯ чун мақсади яқини омадани Ӯ ифода мешаванд. Ӯ мегӯяд, ки *на барои он* омадааст, то *осоиш* биёрад, *балки шамшер*. Ӯ дар ҳақиқат барои он омад, ки осоиш биёрад (Эфс. 2,14-17). Ӯ омад, то ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёфта тавонад (Юҳ. 3,17).

**10,35-37** Аммо ин ҷо гап дар он аст, ки ҳар гоҳе шахсони алоҳида шогирдони Ӯ мешаванд, оилаҳояшон ба муқобили онҳо бармехезанд. Ба падари имондор писараш мухолифат хоҳад кард; ба модари масеҳӣ – духтари наҷотнаёфтааш. Хушдомани аз олами боло зодашударо келини аз олами боло зоданашуда бад мебинад. Ҳамин тавр, тез-тез байни оила ва Масеҳ интихоб кардан лозим меояд. Ҳеҷ кадом робитаи табиӣ набояд шогирдро аз вафодории мутлақ ба Худованд барканор созад. Наҷотдиҳанда бояд аз падар, модар, писар ё духтар авлотар бошад. Яке аз нархҳои шогирд будан аз сар гузаронидани муносибатҳои шиддатнок, ҷанҷолҳо ва канораҷӯии аҳли хонавода аст. Ин муносибати душманона аксаран аз он чи дар дигар соҳаҳои зиндагӣ вомехӯрад, талхтар мешавад.

**10,38** Аммо, ба ғайр аз оила, боз чизе ҳаст, ки метавонад Масеҳро аз ҷои ҳаққонии истиқоматаш маҳрум созад – ин дӯст доштани ҳаёти худ мебошад. Бинобар ин Исо илова намуд: *«Ва ҳар ки салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намекунад, шоистаи Ман нест»*. Салиб, албатта, асбоби қатл буд. Салибро гирифта, аз пайи Масеҳ равона шудан – чунон ба Ӯ вафодорона зистан аст, ки ҳатто худи марг ҳам барои ин нархи беҳад зиёд натобад. На аз ҳама шогирдон талаб мешавад, ки барои Худованд ҷон диҳанд, аммо ҳама бояд Ӯро чунон баланд қадрдонӣ кунанд, ки ҷони худро арзишнок наҳисобанд.

**10,39** Муҳаббат ба Масеҳ бояд ғаризаи худнигоҳдориро пурра ба худ тобеъ кунад: *«Ҳар кӣ ҷони худро нигоҳдорӣ кунад, онро барбод медиҳад; ва ҳар ки ҷони худро дар роҳи Масеҳ барбод диҳад, онро нигоҳдорӣ мекунад»*. Васваса дар он аст, ки ҳаёти худро нигоҳ доштанӣ шуда, аз дард ва маҳрумиятҳои ҳаёте ки пурра ба Худо бахшида шудааст, канораҷӯӣ кунем. Ҳаёти барои ҳаловати худ гузаронида – ҳаёти барбодрафта аст. Он ҳаёт бештар фоиданок аст, ки дар хизмат ба Масеҳ гузаштааст. Одаме ки аз сабаби ба Ӯ бахшидани ҳаёти худ *ҷони худро барбод медиҳад,* ҳаётро бо фаровонии ҳақиқӣ хоҳад ёфт.

### Ғ. Косаи оби сард (10,40-42)

**10,40** На ҳама хушхабари шогирдонро рад хоҳанд кард. Баъзеҳо онҳоро чун фиристодагони Масеҳ қабул намуда, муносибати хайрхоҳона хоҳанд дошт. Шогирдон барои подоши ин меҳрубонӣ имконияти маҳдуде хоҳанд дошт, аммо онҳо бояд ҳеҷ парвое накунанд – ҳар он чи барои онҳо карда мешавад, ҳамчун барои Худи Худованд кардашуда ҳисоб ёфта, бо мукофоти муносиб тақдир карда хоҳад шуд.

Қабули шогирди Масеҳ ба қабули Худи Масеҳ баробар аст, қабули Масеҳ бошад – чун қабули Падар аст, ки *Фиристандаи Ӯ* мебошад, чунки фиристодашуда намояндаи фиристанда аст. Қабули сафире ки намояндаи ҳукумати кишварест, ки вайро ваколатдор намудааст, – бо кишвари вай муносибатҳои дипломатӣ доштан аст.

**10,41** *Ҳар кӣ пайғамбарро ба хотири пайғамбар буданаш қабул кунад, подоши*

*пайғамбарро меёбад.* А. Т. Патерсон шарҳ медиҳад:

*Ибриён мукофоти пайғамбарро аз ҳама баландтар меҳисобиданд, зеро агарчи подшоҳон ба исми Худованд ҳукмронӣ мекарданд ва коҳинон ба исми Худованд хизматгузорӣ мекарданд, аз тарафи Худованд пайғамбар меомад ва ҳам подшоҳро, ҳам коҳинро насиҳат мекард. Масеҳ мегӯяд, ки ҳарчанд ту ғайр аз қабули пайғамбар ба исми пайғамбар кори дигаре накунӣ, ҳамон мукофоте ки ба пайғамбар дода мешавад, ба ту низ дода мешавад, агар ту ба вай ёрӣ диҳӣ. Агар ту одати танқид кардани воизонро дошта бошӣ, дар ин бора фикр кун! Агар ту ёрӣ диҳӣ, ки вай дар бораи Худо сухан гӯяд ва дастгирияш кунӣ, аз мукофоти вай насибе хоҳӣ гирифт; аммо агар вай аз боиси ту дар тарк кардани кор душворӣ кашад, ту мукофотатро аз даст медиҳӣ. Ёрӣ додан ба одаме ки кори нек кардан мехоҳад, кори бузург аст. Ту набояд ба либос ва намуди зоҳирии вай, ба тарзи рафтор ва овози вай аҳамият диҳӣ, балки бояд аз ҳамаи ин болотар нигоҳ карда, гӯӣ: «Шояд ин хабаре аз Худо барои ман бошад? Шояд ин одам барои ҷони ман пайғамбари Худо бошад?» Агар ҳамин тавр бошад, вайро қабул кун, суханон ва корашро зиёда кун ва аз мукофоташ насибе бигир.*[17]

Ҳар кӣ росткорро ба хотири росткор буданаш қабул кунад, подоши росткорро меёбад. Касе ки ба дигарон аз рӯи ҷолибияти ҷисмонӣ ё вазъи молиявӣ баҳо медиҳад, наметавонад дарк кунад, ки арзишҳои ҳақиқии ахлоқӣ аксаран намуди назарногир доранд. Чӣ тавре ки одам бо шогирди содатарин рафтор кунад, Худи Худованд бо вай ҳамон тавр рафтор хоҳад кард.

**10,42** Ҳеҷ кори неке ки барои шогирди Масеҳ карда шудааст, номаълум намемонад. Ҳатто *як коса оби сард* сазовори баҳои баланд хоҳад шуд, агар он ба *шогирд* ба хотири пайрави Худованд буданаш дода шудааст.

Ҳамин тавр, Худованд супориши махсуси Худро ба дувоздаҳ шогирд тамом карда, ба онҳо мартабаи подшоҳиро медиҳад. Ҳа, онҳо ба зиддият, рад шудан, ҳабс, шиканҷа, зиндонӣ шудан ё, мумкин аст, ба марг дучор хоҳанд шуд. Аммо бигузор онҳо ҳеҷ фаромӯш накунанд, ки намояндагони Подшоҳ ҳастанд ва афзалияти пуршарафи онҳо аз номи Ӯ сухан рондан ва амал кардан аст.

## VII. МУХОЛИФАТИ АФЗУДАИСТОДА ВА РАД ШУДАНИ МАСЕҲ (Б. 11 ва 12)

### А. Яҳёи Таъмиддиҳанда зиндонӣ мешавад (11,1-19)

**11,1** Шогирдонро ба хизматгузории махсуси муваққатӣ ба хонадони Исроил фиристода, Исо *аз он ҷо равона шуд, то ки дар шаҳрҳои* Ҷалил, ки шогирдонаш то ин вақт он ҷо мезистанд, *таълим диҳад ва мавъиза кунад.*

**11,2-3** Дар ин ҳангом Ҳиродус *Яҳёро* зиндонӣ кард. Яҳё танҳо монда ва шасташ гашта, ба шубҳа афтод. Агар Исо Масеҳи ҳақиқӣ аст, пас чаро вай роҳ дод, ки саромадаш дар зиндон азоб кашад? Чун бисёр одамони бузурги Худо, Яҳё ба таназзули муваққатии имон гирифтор шуда буд. Бинобар ин вай ду нафар аз шогирдони худро фиристод, то аз Исо пурсанд, ки оё Ӯ ҳақиқатан ҳамонест, ки пайғамбарон ваъда кардаанд, ё онҳо Масҳшудаи дигареро интизор шаванд.

**11,4-5** Исо ба онҳо ҷавоб дода, ба Яҳё хотиррасон кард, ки Ӯ муъҷизаҳоеро ба амал меорад, ки оид ба Масеҳ пешгӯӣ шудаанд: *кӯрҳо мебинанд* (Иш. 35,5), *шалҳо роҳ мераванд* (Иш. 35,6), *махавиён пок мешаванд* (Иш. 53,4 бо Мат. 8,16.17 муқоиса кунед), *карҳо мешунаванд* (Иш. 35,5), *мурдагон бармехезанд* (ин муъҷизаи пешгӯинашуда аз муъҷизаҳои пешгӯишуда бузургтар буд). Исо инчунин ба Яҳё хотиррасон кард, ки Хушхабар ба бенавоён башорат дода мешавад, то ки пайғамбарӣ оид ба Масеҳ, ки дар Ишаъё 61,1 навишта шудааст, иҷро шавад. Одатан пешвоёни дин диққати худро ба сарватмандон ва асилзодагон равона мекарданд. Масеҳ Хушхабарро ба бенавоён овард.

**11,6** Сипас Наҷотдиҳанда илова намуд: *«Ва хушо касе ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад».* Агар ин суханон аз шахси дигаре бармеомаданд, ин худтаърифкунии худписанди калонтарин мебуд. Дар даҳони Масеҳ онҳо ифодаи ҳаққонии камолоти шахсии Ӯ буданд. Ба ҷои он ки чун генерали оличаноб биёяд, Масеҳ чун дуредгари фурӯтан омад. Олиҳимматӣ, ҳалимӣ ва хоксории Ӯ ба ақидаи маъмул оид ба Масеҳи ҷанговар мувофиқат намекарданд. Одамоне ки пайрави хоҳишҳои ҷисм буданд, ба даъвоҳои Ӯ оид ба Подшоҳӣ шубҳа мекарданд. Аммо баракати Худо дар онҳоест,

ки бо нигоҳи рӯҳонӣ дар Исои Носирӣ Масеҳи ваъдашударо диданд.

Ояти 6-ро набояд чун таъна ба Яҳё шарҳ дод. Имони ҳар кас баъзан муҳтоҷи тақвият ва дастгирӣ мешавад. Пастравии мувақкатии имон як чиз аст, ва дучори монеаи доимӣ шудан дар дарккунии ҳақиқии Исои Масеҳ – чизи дигар. Як боб тамоми таърихномаи одам нест. Агар ҳаёти Яҳёро умуман ба назар гирем, дар он оид ба садоқат ва мардонагӣ навиштаҳоеро пайдо мекунем.

**11,7-8** Ҳамин ки шогирдони Яҳё бо суханони дилбардории Исо рафтанд, Худованд *ба мардум* муроҷиат карда, Яҳёи Таъмиддиҳандаро таърифу тавсиф намуд. Худи ҳамин тӯдаи мардум ҳангоми мавъизаҳои Яҳё дар биёбон назди вай ҷамъ мешуданд. Чаро? *Оё барои дидани найи* беқувват – одаме *ки аз* ҳар боди фикрҳои одамӣ *меларзад?* Албатта, не! Яҳё мавъизагари нотарс, инсоф дар ҷисм буд, ки аз хомӯшӣ дида азобро, ва аз дурӯғгӯӣ дида маргро авлотар медонист. *Оё онҳо барои дидани* шахси дарбории хушлибосе мерафтанд, ки аз роҳат лаззат мебарад. Албатта, не! Яҳё марди одии Худо буд, ки ҳаёти ҷиддияш таънае ба давуғеҷи беандозаи одамон буд.

**11,9** *Оё* онҳо *барои дидани як пайғамбар* рафта буданд? Албатта, Яҳё пайғамбар буд, ҳатто калонтарини пайғамбарон. Худованд ин ҷо дар назар надошт, ки вай бо сифатҳои шахсӣ, хушсуханӣ ё лаёқати боваркунонӣ аз дигарон беҳтар буд; вай барои он калонтар буд, ки саромади Масеҳ-Подшоҳ буд.

**11,10** Ин аз ояти 10 аён мегардад: Яҳё иҷрошавии пешгӯии Малокӣ (3,1) буд – *қосиде* ки мебоист пешопеши Худованд меомад ва халқро барои омадани Ӯ *муҳайё* мекард. Дигарон омадани Масеҳро пешгӯӣ мекарданд, аммо Яҳё он интихобшудае буд, ки мебоист дар ҳақиқат омадани Ӯро эълон мекард. Хуб гуфта шудааст: «Яҳё барои Масеҳ роҳро муҳайё кард, ва сипас ба хотири Масеҳ аз ин роҳ рафт».

**11,11** Ифодаи *«он ки дар Подшоҳии Осмон хурдтарин аст, аз вай бузургтар аст»* исбот мекунад, ки Исо дар бораи афзалияти Яҳё сухан меронд, на дар бораи хислаташ. Одаме ки *дар Подшоҳии Осмон хурдтарин* аст, шояд хислаташ аз хислати Яҳё беҳтар набошад, аммо афзалияташ *бештар* аст. Шаҳрванди Подшоҳӣ будан имтиёзи бештарест назар ба эълон кардан дар бораи фаро расидани он. Афзалияти Яҳё ба он маъно бештар буд, ки вай роҳро барои Худованд муҳайё кард, аммо аз баракатҳои Подшоҳӣ баҳравар нашуд.

**11,12** Аз ибтидои хизматгузории Яҳё то зиндонӣ шуданаш *Подшоҳии Осмон* ба *фишор* рӯ ба рӯ буд. Фарисиён ва китобдонон бо тамоми қувват ба он муқобил меистоданд. Шоҳ Ҳиродус қосиди Ӯро зиндонӣ карда, ба ин муқобилият саҳми худро гузошт.

*Ва зӯрмандон онро ба даст меоваранд.* Ин ибораро ду хел шарҳ додан мумкин аст. Якум: душманони Подшоҳӣ бо тамоми қувва мекӯшанд Подшоҳиро ба даст оваранд, то ки онро маҳв созанд. Яҳёро рад кардани онҳо пешгӯии дар оянда рад карда шудани ҳам Худи Подшоҳ, ҳам Подшоҳии Ӯ гардид. Аммо он метавонад чунин маъно ҳам дошта бошад: Онҳое ки ба омадани Подшоҳ тайёранд, аз ин хабар ба ҷӯшу хурӯш омаданд ва тамоми мушакҳояшонро ба кор даровarданд, то ки ба Подшоҳии Ӯ дароянд. Маънои Луқо 16,16 чунин аст: «Таврот ва навиштаҳои пайғамбарон то Яҳёст; аз он вақт ин ҷониб Подшоҳии Худо башорат дода мешавад, ва ҳар кас бо ҷидду ҷаҳд ба он дохил мешавад». Ин ҷо Подшоҳии Худо чун шаҳри муҳосирашуда тасвир карда мешавад, ки ҳамаи синфҳои одамон аз берун ба он зарбаҳо мезананд, то ки ба он дохил шаванд. Барои ин қувваи муайяни рӯҳонӣ лозим аст.

Кадоме аз ин ду ақида қабул карда шавад ҳам, мазмун ин ҷо чунин аст: мавъизаи Яҳё боиси аксуламале гардид, ки натиҷаҳои васеъ паҳншуда ва амиқ дошт.

**11,13** *«Зеро тамоми пайғамбарон ва Таврот то Яҳё пешгӯӣ кардаанд»*. Омадани Масеҳ дар давоми тамоми Навиштаҳо аз Ҳастӣ то Малокӣ пешгӯӣ карда мешуд. Ҳангоме ки Яҳё ба арсаи таърих қадам гузошт, нақши беҳамтои вай на танҳо пайғамбарӣ, балки эълон кардани иҷроиши ҳамаи пешгӯиҳо оид ба омадани якуми Масеҳ буд.

**11,14** Малокӣ пешгӯӣ карда буд, ки то омадани Масеҳ Илёс чун саромад хоҳад омад (Мал. 4,5.6). Агар одамон Исоро чун Масеҳ *қабул кардан мехостанд,* Яҳё нақши Илёсро иҷро мекард. Яҳё Илёси аз нав зиндашуда набуд; дар Юҳ. 1,21 вай Илёс буданашро рад кард. Аммо вай пеш аз Исо дар рӯҳ ва қуввати Илёс омад (Луқ. 1,17).

**11,15** На ҳама Яҳёи Таъмиддиҳандаро қабул карданд ё маънои амиқи хизматгузории вайро фаҳмиданд. Бинобар ин Худованд илова намуд: *«Ҳар ки гӯши шунаво дорад, шунавад»*. Бо суханони дигар: эътибор диҳед, ки маънои чизи шунидаатонро гум накунед! Агар Яҳё пешгӯиро оид ба Илёс иҷро карда бошад, пас, Исо Масеҳи ваъдашуда аст! Ҳамин тавр, Исо ваколати Яҳёи Таъмиддиҳандаро тасдиқ карда, даъвои Масеҳи Худо будани худро тасдиқ кард. Қабул кардани яке маънои қабул кардани дигареро низ дорад.

**11,16-17** Аммо *насле* ки Исо ба он муроҷиат мекунад, барои қабул кардани *ҳеҷ кадоми* онҳо ҳавасманд набуд. На Ӯ, на саромади Ӯ диққати яҳудиёнеро, ки имтиёзи дидани зуҳури Масеҳ-Подшоҳи худро доштанд, ҷалб накард. Ҳар ду барои онҳо муаммо буданд. Исо онҳоро ба *кӯдакони* шаттоҳ монанд мекунад, *ки дар кӯчаҳо нишаста,* аз ҳар чизе ки ба онҳо пешниҳод кунанд, норозӣ мешуданд. Агар рафиқонашон мехостанд най навозанд, то ки онҳо *рақсида* тавонанд, онҳо рад мекарданд. Агар дӯстонашон саҳначаи дафнкуниро бозиданӣ шаванд, онҳо *намегиристанд.*

**11,18-19** *Яҳё* ҳамчун зоҳид *омад,* ва яҳудиён вайро дар дев доштан айбдор карданд. *Писари Одам,* баръакс, чун одамони муқаррарӣ мехӯрд ва менӯшид. Агар зоҳидии Яҳё яҳудиёнро ба ҳолати ногувор меандохта бошад, пас, онҳо мебоист қаноатманд мешуданд, ки хӯроки Исо маъмулӣ, одӣ аст. Аммо не! Онҳо Ӯро *марди пурхӯр ва майнӯш, дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон* номиданд. Албатта, Исо ҳеҷ гоҳ берун аз андоза намехӯрд ва наменӯшид; айбдоркунии онҳо тамоман нодуруст буд. Дар ҳақиқат, Ӯ *дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон* буд, аммо на ба он маъное ки онҳо гумон мекарданд. Ӯ дӯсти гуноҳкорон шуд, то ки онҳоро аз гуноҳҳо халос кунад, аммо ҳеҷ гоҳ дар гуноҳ иштирок намекард ва гуноҳҳои онҳоро маъқул намедонист.

*«Ва ҳикмат аз тарафи фарзандони он тасдиқ карда мешавад».* Албатта, Худованд Исо ҳикмат дар сурати одамӣ мебошад (1Қур. 1,30). Агарчи беимонон ба Ӯ тӯҳмат карда метавонистанд, Ӯ бо корҳои Худ ва ҳаёти пайравони Худ сафед мешуд. Агарчи аксарияти яҳудиён метавонистанд Ӯро чун Масеҳ-Подшоҳ қабул накунанд, даъвоҳои Ӯ бо муъҷизаҳояш ва бо дигаргунии рӯҳонии шогирдонаш пурра тасдиқ мешуданд.

## Б. Вой ба ҳоли шаҳрҳои тавбанакардаи Ҷалил (11,20-24)

**11,20** Имтиёзҳои калон дар худ масъулияти калонро доранд. Ҳеҷ ягон шаҳр ҳолати имтиёзноктаре аз шаҳрҳои Кӯразин, Байт-Сайдо ва Кафарнаҳум надошт. Писари таҷассумёфтаи Худо дар кӯчаҳои пурчанги онҳо мегашт, мардуми интихобшудаи онро таълим медод ва қисми зиёди *муъҷизаҳои* Худро дар он ҷойҳо ба амал овард. Ҳамаи ин далелҳои раднашавандаро дида, онҳо дар дилсахтии худ *тавба карданро* рад карданд. Барои ҳамин боиси ҳайрат нест, ки Худованд бояд ба онҳо ҳукми қатъӣ мебаровард.

**11,21** Ӯ аз *Кӯразин ва Байт-Сайдо* сар кард. Ин шаҳрҳо муроҷиати меҳрубононаи Наҷотдиҳанда-Худояшонро шуниданд ва бо вуҷуди ин аз Ӯ дидаву дониста рӯ гардонданд. Исо фикран ба шаҳрҳои *Сур ва Сидун* бармегардад, ки бо ҳукми Худо барои расвоӣ ва бутпарастӣ хароб гашта буданд. Агар онҳо имтиёзи дидани муъҷизаҳои Исоро медоштанд, эҳтимол, бо тавбаи амиқ сар хам мекарданд. Бинобар ин *дар рӯзи доварӣ ҳолати Сур ва Сидун* аз ҳолати Кӯразин ва Байт-Сайдо сабуктар мешавад.

**11,22** Калимаҳои *«дар рӯзи доварӣ сабуктар мешавад»* ба он ишора мекунад, ки дар дӯзах дараҷаҳои гуногуни ҷазоҳо хоҳанд буд, чуноне ки дар осмон низ подошҳои гуногун хоҳанд буд (1Қур. 3,12-15). Ягона гуноҳе ки одам барои он дар дӯзах гирифтори ҷазо мешавад, рад кардани итоат ба Исои Масеҳ аст (Юҳ. 3,36 б). Аммо вазнинии азобҳо дар дӯзах ба имтиёзҳои радшуда ва гуноҳҳои содиркардаи одамон вобаста аст.

**11,23-24** Кам шаҳре монанди *Кафарнаҳум* ёфт мешуд, ки ба он ин қадар афзалиятҳо зоҳир шуда бошанд. Пас аз он ки дар Носира Ӯро рад карданд, он барои Исо чун шаҳри зодгоҳаш шуд (Мат. 9,1, муқоиса кунед бо Марқ. 2,1-12), ва Ӯ баъзе муъҷизаҳои олиҷанобтарин – далелҳои раднашавандаи Масеҳияти Худро – дар он ҷо ба амал оварда буд. Агар Садӯми гуноҳкор, маркази ҳомосексуализм, ин гуна имтиёз медошт, он тавба мекард ва нобуд карда намешуд. Кафарнаҳум афзалиятҳои зиёде дошт. Сокинони он бояд тавба мекарданд ва бо шодӣ Худовандро эътироф мекарданд. Аммо Кафарнаҳум рӯзи

муносибро аз даст дод. Гуноҳи Садӯм хеле калон буд. Аммо ҳеҷ гуноҳе бештар аз он нест, ки Кафарнаҳум Писари поки Худоро рад кард. Бинобар ин Садӯм дар рӯзи доварӣ на ба андозаи Кафарнаҳум ҷазо дода хоҳад шуд. Кафарнаҳум, ки бо имтиёзаш *ба осмон* барафрошта шуда буд, дар рӯзи доварӣ ба дунёи мурдагон сарнагун мешавад. Агар ин ҷазо барои Кафарнаҳум одилона бошад, пас, хеле одилонатар аст барои ҷойҳое ки Навиштаи Муқаддас бисёр аст, ва Хушхабар ба воситаи радио шунавонида мешавад ва шахсоне ки баҳонаи ноогоҳӣ доранд, хеле кам ҳастанд.

Дар айёми Худованди мо дар Ҷалил чор шаҳри маълум буд: Кӯразин, Байт-Сайдо, Кафарнаҳум ва Табария. Ӯ танҳо ба сетои аввал ҳукм баровард, на ба Табария. Ва натиҷааш чист? Кӯразин ва Байт-Сайдо чунон хароб гаштанд, ки ҳоло ҷои аниқи онҳо маълум нест. Ҷои Кафарнаҳум муайян нашудааст. Табария то ҳол ҳаст. Ин пешгӯии ҳайратовар аст – боз як далели он ки Наҷотдиҳанда ҳамадон аст, ва Навиштаи Муқаддас бо илҳоми илоҳӣ навишта шудааст.

### В. Аксуламали Наҷотдиҳанда ба радкунӣ (11,25-30)

**11,25-26** Се шаҳри Ҷалил на чашмон доштанд, то бубинанд, на дил, то Масеҳи Худоро дӯст доранд. Ӯ медонист, ки муносибати онҳо ба Ӯ ибтидои радкунии пурра буд. Ӯ ба он ки онҳо аз тавба кардан рӯ тофтанд, чӣ аксуламале нишон медод? Бе хашмгинӣ ва бе қасосгирӣ. Аниқтараш, Ӯ бо шукргузорӣ ба сӯи Худо овоз баланд кард, ки ҳеҷ чиз мақсадҳои олии Ӯро вайрон карда натавонист. *«Туро, эй Падар, эй Фармонравои осмону замин, ситоиш мекунам, ки ин чизҳоро аз хирадмандон ва доноён пинҳон доштӣ ва ба кӯдакон ошкор кардӣ»*.

Мо бояд аз ду нофаҳмии имконпазир канораҷӯӣ кунем: Аввалан, Исо барои ҷазои ногузири шаҳрҳои Ҷалил хурсандӣ зоҳир намекард. Сониян, Ӯ намехост гӯяд, ки Худо бо дасти Худ ин нурро аз хирадмандон ва оқилон нигоҳ дошт.

Ин шаҳрҳо имконияти номаҳдуди бо хушнудӣ пешвоз гирифтани Худованд Исоро доштанд. Онҳо дидаву дониста қарор доданд, ки ба Ӯ итоат накунанд. Ҳангоме ки онҳо нурро рад карданд, Худо онро аз онҳо пинҳон кард. Аммо нақшаҳои Худо ҳеҷ гоҳ нобарор намешаванд. Агар оқилон бовар накунанд, Худо онро ба онҳое медиҳад, ки дили фурӯтан доранд. *«Гуруснагонро бо чизҳои некӯ пур мекунад, ва сарватмандонро дастхолӣ мефиристад»* (Луқ. 1,53).

Касе ки ба сабаби хеле оқил ва доно буданаш чунин меҳисобад, ки ба Масеҳ эҳтиёҷ надорад, гирифтори кӯрии ақл мешавад. Аммо онҳое ки ба норасоии хирадашон иқрор мешаванд, ваҳйи Касеро қабул мекунанд, ки «дар Ӯ ҳамаи ганҷҳо ва дониш ниҳон аст» (Кул. 2,3). Исо Падарро барои он шукр мегуфт, ки мувофиқи пешбинии Ӯ, агар баъзеҳо Исоро қабул накунанд, баъзеи дигар қабул мекунанд. Дар рӯ ба рӯи нобоварии азим Ӯ дар нақша ва мақсади асосии Худо тасалло меёфт.

**11,27** *Ҳама чизро Падар* ба Масеҳ *супурда* буд. Дар даҳони ҳар каси дигар ин ҳамчун даъвои ниҳоят худбоварона садо медод; Худованд Исо бошад танҳо ҳақиқатро баён мекунад. Дар он ҳангом, ба сабаби авҷ гирифтани мухолифат, ҳеҷ ба назар намерасид, ки Падар ҳама чизро роҳнамоӣ мекунад, аммо бо вуҷуди ин ҳамин тавр буд. Аз рӯи нақшаи пешакӣ кашидашуда ҳаёти Исо бемайлон ба музаффарияти пуршарафи хотимавӣ наздик мешуд. *«Ҳеҷ кас Писарро, ғайр аз Падар, намешиносад»*. Ин ҷо сирри донистанашавандаи шахсияти Масеҳ ниҳон аст. Ягонагии табиати илоҳӣ ва одамӣ дар як шахс боиси мушкилоте мешавад, ки ақли инсонро ба ҳарос меоваранд. Масалан, проблемаи марг ҳаст: Худо мурда наметавонад. Аммо ба ҳар ҳол Исо Худо аст, ва Ӯ мурд. Дар баробари ин табиати илоҳӣ ва одамии Ӯ ҷудонашаванда мебошанд. Агарчи мо Ӯро медонем, дӯст медорем, ба Ӯ бовар мекунем, аммо ба ҳар ҳол дарк мекунем, ки танҳо Падар метавонад Ӯро пурра фаҳмад.

*Лек асрори номи Ту* хеле баланд мебошанд,
Болотар аз ҳар фаҳмиш, ки офаридаат дорад;
Танҳо Падар (чӣ изҳороти аҷиб!) Писарро фаҳмида метавонад.
*Ту, эй Барраи Худо, сазовори он ҳастӣ, ки андар ҳузури Ту ҳар зонуе хам шавад!*

Иосия Кондер

*«Ва ҳеҷ кас Падарро намешиносад, ғайр аз Писар ва касе ки Писар ба вай ошкор кардан хоҳад»*. Падар низ дарокнашаванда аст. Дар

ниҳояти кор, танҳо Худо он қадар бузург аст, ки Худоро фаҳмида тавонад. Одам наметавонад Худоро бо қувват ё ақли худ дарк кунад. Аммо Худованд Исо Падарро ба интихобшудагони худ ошкор карда метавонад ва мекунад. Касе ки Писарро мешиносад, Падарро низ мешиносад (Юҳ. 14,7).

Ба ҳар ҳол баъди ҳамаи ин гуфтаҳо бояд иқрор шавем, ки ҳангоми ҷустуҷӯи маънидоди ояти 27 мо бо ҳақиқатҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки бароямон хеле баланд мебошанд. Мо хира мебинем, гӯё дар оина.

Ва ҳатто дар ҷовидонӣ ақли маҳдуди мо наметавонад бузургии Худоро баҳо диҳад ё сирри таҷассумро дарк кунад. Ҳангоме мо мехонем, ки Падар танҳо ба интихобшудагони Писар ошкор мешавад, фикр дар бораи интихоби худсаронаи якчанд писандидагон моро ба васваса андохта метавонад. Ояти оянда огоҳ мекунад, ки ин гуна тафсир нодуруст аст. Худованд Исо ба ҳама заҳматкашон ва гаронборон даъвати умумиро эълон мекунад, то ки онҳо ба назди Ӯ оянд ва осоиш пайдо кунанд. Дигар хел гӯем, Ӯ барои аён кардани Падар онҳоеро интихоб кард, ки ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда боварӣ кардаанд. Ин даъвати бениҳоят меҳрубононаро таҳлил намуда, биёед ба хотир меорем, ки Исо инро баъди он гуфт, ки шаҳрҳои Ҷалил Ӯро шармандавор рад карданд, агарчи барояшон лутфу марҳамати зиёде карда буд. Бадбинӣ ва якравии инсонӣ натавонистанд муҳаббат ва меҳрубонии Ӯро хомӯш кунанд. А. Ҷ. МакКлейн гуфта буд:

*Агарчи халқи Исроил ба сӯи ҷазои вазнини Худо наздик шуда истодааст, Подшоҳи он дар сухани охирини Худ дарро барои наҷоти шахсӣ калон мекушояд. Ва Ӯ бо ин исбот мекунад, ки ҳатто дар арафаи доварӣ Ӯ Худои меҳрубонӣ аст.*[18]

**11,28** *Оед.* Омадан – яъне бовар кардан (Аъм. 16,31), қабул кардан (Юҳ. 1,12), хӯрдан (Юҳ. 6,35), нӯшидан (Юҳ. 7,37), бозгашт кардан (Иш. 45,22), эътироф кардан (1Юҳ. 4,2), шунидан (Юҳ. 5,24.25), аз дар даромадан (Юҳ. 10,9), дарро кушодан (Ваҳй 3,20), даст расондан ба либоси Ӯ (Мат. 9,20.21) ва қабул кардани тӯҳфаи ҳаёти ҷовидонӣ ба воситаи Масеҳ, Худованди мо (Рум. 6,23).

*Назди Ман.* Предмети имон – на Калисо, на эътирофи имон ва на мансабдори рӯҳонӣ, балки Масеҳи зинда аст. Наҷот дар *Шахсият* аст. Касе ки Исоро дорад, чунон наҷот ёфтааст, ки танҳо Худо метавонад он гуна наҷот диҳад.

*Эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон.* Барои ба назди Исо бо роҳи дуруст омадан одам бояд иқрор шавад, ки зери бори гарони гуноҳ аст. Танҳо он кас наҷот ёфта метавонад, ки ҳалокшуда будани худро эътироф мекунад. Пеш аз имон овардан ба Худованд Исои Масеҳ кас бояд пеши Худо аз гуноҳи худ тавба кунад.

*Ва ман ба Шумо оромӣ мебахшам.* Аҳамият диҳед, ки оромӣ дар ин ҷо тӯҳфа аст, ва он на барои кор ва хизмат дода шудааст. Ин *оромии наҷот* аст, ки баъди дарки он фаро мерасад, ки Масеҳ кори раҳо карданро дар Ҷолҷолто ба амал овард. Ин *оромии виҷдон* аст, ки баъди дарки он меояд, ки ҷазои гуноҳ як бор барои ҳама пардохта шуда буд ва Худо ин нархро бори дуюм талаб намекунад.

**11,29** Дар оятҳои 29 ва 30 даъват ба наҷот бо даъват ба хизмат иваз мешавад.

*Юғи Маро ба гардани худ гиред.* Ин маънои онро дорад, ки ба хости Ӯ итоат кунем ва роҳбарии ҳаёти худро ба Ӯ вогузорем (Рум. 12,1).

*Ва аз Ман таълим ёбед.* Вақте ки мо ҳокимияти Ӯро дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон эътироф мекунем, Ӯ бо роҳҳояш рафтанро таълим медиҳад.

*Чунки Ман нармдил ва фурӯтан ҳастам.* Бар хилофи фарисиёни дағал ва мағрур, Устоди ҳақиқӣ *нармдил ва фурӯтан* аст. Ҳар касе ки юғи Ӯро қабул мекунад, ҳамчунин ишғол кардани мавқеи пасттаринро ёд мегирад.

*Ва ҷонҳои шумо оромӣ меёбанд.* Ин оромии виҷдон нест, балки оромии дил аст, ва онро вақте ба даст овардан мумкин аст, ки дар назди Худо ва одамон мавқеи аз ҳама пасттарро ишғол кунӣ. Ин оромӣ монанди ҳамон оромиест, ки одам ҳангоми ба Масеҳ хизмат кардан эҳсос мекунад, вақте кӯшиши бузург буданро бас мекунад.

**11,30** *Зеро юғи Ман хуш ва бори Ман сабук аст.* Боз ҳам тазоди ҳайратовар бо фарисиён. Исо дар бораи онҳо гуфта буд: «Борҳои гарон ва душворро баста, бар дӯши одамон мегузоранд, лекин худашон намехоҳанд онҳоро ҳатто бо як ангушт ҳаракат диҳанд» (Мат. 23,4). Юғи Исо сабук аст ва китфҳоро обила намезанонад. Касе тахмин кардааст, ки агар

дар даромадгоҳи устохонаи дуредгарии Исо лавҳае мебуд, он мебоист чунин хонда мешуд: «Юғҳои ман айнан муносиб мебошанд».

*Бори Ман сабук аст.* Ин маънои онро надорад, ки дар зиндагии масеҳӣ мушкилот, мусибатҳо ва дарду алам нест. Ин он маъноро дорад, ки мо набояд худамон танҳо онҳоро ба дӯш бардорем. Мо дар як юғ бо Касе баста шудаем, ки ҳангоми эҳтиёҷмандии мо миқдори даркории баракатро медиҳад. Хизмат ба Ӯ ғуломӣ нест, балки он озодии комил аст.

Ҷ. Ҳ. Ҷоветт мегӯяд:

*Имондор ба хатои ногузир меафтад, вақте мекӯшад, ки вазнинии зиндагиро бо юғи якка пеш барад. Дар нақшаи Худо ҳеҷ гоҳ пешбинӣ нашуда буд, ки одам бори худро танҳо барад. Барои ҳамин ҳам Масеҳ бо одам танҳо дар юғ сару кор дорад. Юғ афзорест барои ду нафар, ва Худованд иҷозат мепурсад, то дар он дуюм бошад. Ӯ мехоҳад ҳар гуна меҳнати вазнинро ҳамроҳ ба ҷо оварад. Сирри осудагӣ ва ғалаба дар ҳаёти масеҳиёна дар он аст, ки юғи бори «ман»-и худро бароварда, «юғ»-и раҳокунандаи Устодро дар бар кунем.*[19]

### Г. Исо – Худованди шанбе (12,1-8)

**12,1** Дар ин боб бӯҳрони афзояндаи радкунӣ тасвир ёфтааст. Хашми зиёдшаванда ва душмании фарисиён акнун тайёр аст лабрез шавад. Мухолифате, ки дарғотҳоро мекушояд, масъалаи рӯзи шанбе аст.

Дар ин рӯзи шанбе *Исо* ва шогирдонаш *аз киштзор* мегузаштанд. *Шогирдони Ӯ ба чидан ва хӯрдани хӯшаҳо сар карданд.* Шариат бе истифодаи дос канда хӯрдани ғалларо аз киштзори ҳамсоя иҷозат медод (Так. Шар. 23,25).

**12,2** Аммо *фарисиён,* ки дар риояи шариат ба масъалаҳои ҷузъӣ хурдагирӣ мекарданд, ба хулосае омаданд, ки бо ин кор қонуни *шанбе* шикаста шудааст. Агарчи ҷузъиёти даъвоҳо зикр нашудаанд, аз афташ, онҳо шогирдонро дар корҳои зерин айбдор меҳисобиданд: 1) ҷамъоварии ҳосил (чидани хӯшаҳо), 2) кӯфтани он (бо дастон молиш додан), 3) бод додан (аз хас ҷудо кардани ғалла).

**12,3-4** Исо ба норозигии бемаънои онҳо ҷавоб дода, ҳодисаеро, ки боре дар ҳаёти *Довуд* рух дода буд, хотиррасон кард. Боре, ҳангоми гурехтан, ӯ ва ҳамроҳонаш ба маҳалли биёбонӣ рафта, *нонҳои тақдимро,* дувоздаҳ нони хотиравиро *хӯрданд,* ки ғайр аз коҳинон касе бояд намехӯрд. Довуд ва одамони вай коҳин набуданд, аммо ба ҳар ҳол Худованд ҳеҷ гоҳ онҳоро дар кори кардаашон сарзаниш накард. Чаро?

Гап дар он аст, ки шариати Худо ҳеҷ гоҳ дар назди худ мақсаде нагузошта буд, то ба вафодоронаш бадӣ кунад. Довуд на бо айби худ ронда шуда буд. Вайро халқи гунаҳкор рад кард. Агар халқ Довудро ба ҷои қонуниаш мегузошт, на вай нонҳои тақдимро мехӯрд, на одамонаш. Аз сабаби он ки дар Исроил гуноҳ буд, Худо ба онҳо иҷозат дод, ки ин кори манъшударо кунанд.

Монандкунӣ фаҳмост. Худованд Исо Подшоҳи қонунии Исроил буд, аммо халқ Ӯро ҳамчун фармонраво эътироф накард. Агар ба Масеҳ ҷои муносиби Ӯро медоданд, он гоҳ шогирдони Ӯро лозим намеомад то дараҷае паст фароянд, ки дар рӯзи шанбе ё ягон рӯзи дигар ҳамин тариқ хӯрок хӯранд. Ҳодисаи таърихӣ такрор шуд. Худованд шогирдони Худро сарзаниш накард, чунки онҳо ҳеҷ кори бад накарда буданд.

**12,5** Исо ба фарисиён хотиррасон кард, ки коҳинон дар рӯзҳои шанбе дар парастишгоҳ *оини шанберо риоя накарда*, ҳайвонотро қурбонӣ мекунанд ва боз бисёр корҳои дигари парастишгоҳро иҷро менамоянд (Ад. 28,9.10), аммо *бегуноҳанд,* чунки хизматгузории Худоро ба ҷо меоранд.

**12,6** Фарисиён медонистанд, ки коҳинон ҳар шанбе дар парастишгоҳ кор мекунанд ва онро фосид намекунанд. Пас чаро онҳо шогирдонро барои коре ки дар ҳузури *Шахси аз маъбад бузургтар* кардаанд, танқид менамоянд? Подшоҳии Худое, ки дар Шахсияти Подшоҳ ҳузур дорад, албатта аз маъбад хеле бузургтар аст.

**12,7** Фарисиён ҳеҷ гоҳ дили Худоро намефаҳмиданд. Дар Ҳушаъ 6,6 Ӯ гуфтааст: *«Марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ».* Худо ҳамдардиро аз маросим авлотар медонад. Хӯшаҳоро дар рӯзи шанбе кандани халқ дар назари Худо беҳтар мебуд, назар ба ин ки ин рӯзро то ба дараҷаи аз ҳол рафтан риоя кунанд. Агар фарисиён инро мефаҳмиданд, шогирдонро таъна намезаданд. Аммо онҳо дақиқкории зоҳириро аз беҳбудии инсон авлотар меҳисобиданд.

**12,8** Сипас Наҷотдиҳанда илова намуд: *«Зеро Писари Одам хоҷаи рӯзи шанбе мебошад»*. Ӯ шариатро муқаррар намудааст, ва бинобар ин танҳо Ӯ тафсиркунандаи ихтисосноки маънои он аст. Е. В. Роҷерс мегӯяд:

*Чунин ба назар мерасад, ки Матто, зери роҳнамоии Рӯҳ, дар ин боб шарҳи кӯтоҳи номҳо ва вазифаҳои Худованд Исоро медиҳад: Ӯ Писари Одам аст; Хоҷаи Шанбе; Хизматгори ман; Дӯстдоштаи ман; Писари Довуд; аз парастишгоҳ бузургтар; аз Юнус бузургтар; аз Сулаймон бузургтар. Вай инро барои он мекунад, то нишон диҳад, ки рад кардани Исо ва тамоми ҳуқуқҳоро ба Ӯ надодан гуноҳи ҳалокатовар аст».*[20]

Пеш аз он ки ба воқеаи навбатӣ гузарем (дастхушкро дар рӯзи шанбе шифо додани Исо), таваққуфе мекунем ва дар бораи таълимоти Навиштаҳо оид ба шанбе шарҳи кӯтоҳе медиҳем.

---

### ШАНБЕ

Шаббат ҳамеша рӯзи ҳафтуми ҳафта (шанбе) буд ва хоҳад монд. Худо дар рӯзи ҳафтум, пас аз шаш рӯзи офариниш, ором гирифт (Ҳас. 2,2). Он вақт Ӯ ба одам нафармуд, ки шанберо риоя кунад, лекин, эҳтимол, чунин принсипро дар назар дошт: як рӯзи ҳафта – рӯзи оромиш аст, ки бояд риоя намуд.

Ба халқи Исроил риояи шанбе он вақт фармуда шуда буд, ки Даҳ фармуда дода шуда буданд (Хур. 20,8-11). Фармуда дар бораи шанбе аз фармудаҳои дигар фарқ дорад; ин фармудаи маросимӣ аст, дар ҳоле ки фармудаҳои дигар ахлоқӣ буданд. Сабаби ягонаи хуб набудани кор дар рӯзи шанбе, амри Худо аст. Фармудаҳои дигар ба амалҳое дахл доштанд, ки *дар асоси худ* нодуруст буданд.

Манъи кор дар рӯзи шанбе ҳеҷ гоҳ ба хизмат ба Худо (Мат. 12,5), ба корҳои зарурати аввал (Мат. 12,3.4) ва ё ба некӯкорӣ (Мат. 12,11.12) дахле надошт. Аз Даҳ фармуда нӯҳтоаш дар Аҳди Нав на чун қонун, балки чун роҳнамоӣ барои масеҳиёне ки аз рӯи файз зиндагӣ мекунанд, такрор мешаванд. Ягона фармоне ки риояи он ба масеҳиён фармуда нашуда буд, фармон оид ба шанбе аст. Павлус таълим медиҳад, ки масеҳиро барои риоя накардани шанбе маломат кардан лозим нест (Кул. 2,16).

Рӯзи махсуси ҳафта барои масеҳиён рӯзи *якуми* ҳафта (рӯзи якшанбе) аст. Дар ин рӯз Худованд Исо аз мурдагон бархост (Юҳ. 20,1), то исбот шавад, ки кори кафорат анҷом ёфта, мақбули Худо гаштааст. Дар ду рӯзи дигари Худованд Ӯ бо шогирдонаш вомехӯрд (Юҳ. 20,19.26). Рӯҳулқудс ба расулон дар рӯзи якуми ҳафта дода шуда буд (Аъм. 2,1; бо Иб. 23,15.16 муқоиса кунед). Шогирдони аввалин дар ин рӯз барои шикастани нон ҷамъ мешуданд, то марги Худовандро эълон кунанд (Аъм. 20,7). Ин рӯзи муқарраркардаи Худост, ки дар он ҳамаи масеҳиён бояд барои кори Худованд маблағ пасандоз кунанд (1Қур. 16,1.2).

Шанбе, ё рӯзи ҳафтум, дар охири ҳафтаи корӣ фаро мерасид; рӯзи Худованд ё якшанбе, ҳафтаро бо дарки осудаи он сар мекунад, ки кори наҷот анҷом ёфтааст. Шанбе ёдоварии офариниши аввалин аст, Рӯзи Худованд бошад бо офариниши нав вобаста аст. Рӯзи шанбе рӯзи масъулият буд, рӯзи Худованд бошад – рӯзи имтиёз.

Масеҳиён рӯзи Худовандро на чун воситаи ба даст овардани наҷот ё расидан ба покӣ, ва на аз тарси ҷазо риоя мекунанд. Онҳо ин рӯзро ба сабаби садоқати дӯстдорона ба Оне ки Худро барои онҳо таслим кард, аз ҳамаи рӯзҳои дигар ҷудо мекунанд. Мо дар ин рӯз аз ҳамаи корҳои рӯзғор озод буда, онро барои парастиш ва хизмат ба Масеҳ ҷудо карда метавонем.

«Шанбе бо рӯзи Худованд иваз карда шудааст» гуфтан нодуруст мебуд. Шаббат шанбе аст, рӯзи Худованд бошад якшанбе аст. Шанбе соя буд, ҷисм бошад Масеҳ аст (Кул. 2,16.17). Растохези Масеҳ ифодакунандаи нуқтаи нави сарҳисоб аст, ва рӯзи Худованд маънои ин ибтидоро дорад. Исо ҳамчун яҳудии аслие ки мувофиқи шариат зиндагӣ мекунад, шанберо риоя мекард (агарчи фарисиён Ӯро дар риоя накардани шанбе айбдор мекарданд). Ҳамчун Худованди шанбе Ӯ онро аз қоида ва оинномаҳои бардурӯғе ки чун қабати таҳшин бар болои он буданд, озод намуд.

---

### Ғ. Исо дар рӯзи шанбе шифо медиҳад (12,9-14)

**12,9** Аз байни киштзорҳо гузашта, Исо *ба куништ даромад*. Луқо ба мо нақл мекунад, ки китобдонон ва фарисиён низ он ҷо буданд ва рафтори Ӯро мушоҳида мекарданд, то ягон айбе ёбанд (Луқ. 6,6.7).

**12,10** Дар куништ *шахсе буд, ки дасти хушкшудае дошт* – шаҳодати бесухани он ки фарисиён ба вай ёрӣ дода наметавонистанд. То ҳол онҳо ба вай бо бепарвоии дилсардона муносибат мекарданд. Аммо банохост вай ба онҳо ҳамчун воситаи ба дом кашидани Исо даркор шуд. Онҳо медонистанд, ки Наҷотдиҳанда ҳамеша майли сабук кардани дарди одамонро дорад. Онҳо фикр карданд, ки агар Ӯ дар рӯзи шанбе шифо диҳад, онҳо метавонанд Ӯро дар хатои сазовори ҷазо айбдор кунанд. Ва инак онҳо аз суханбозие сар карданд, ки дар шариат асос ёфта буд: *«Оё дар рӯзи шанбе шифо додан раво аст?»*

**12,11** Дар ҷавоб Наҷотдиҳанда саволи рӯ ба рӯ дод: оё онҳо *гӯсфанди* худро *дар рӯзи шанбе* аз чуқурӣ *гирифта намебароранд*. Албатта, мебароранд! Чаро? Шояд, онҳо мегуфтанд, ки ин кори раҳмдилӣ аст; аммо боз фикри дигаре ҳам буда метавонист: гӯсфанд арзиши нақдӣ дошт, ва онҳо ҳатто дар рӯзи шанбе ҳам зарари моддӣ дидан намехостанд.

**12,12** Худованди мо ба онҳо хотиррасон кард, ки одам аз гӯсфанд арзиши бештаре дорад. Агар ба ҳайвон раҳмдилӣ зоҳир кардан мумкин бошад, дар *рӯзи шанбе* ба одам *некӣ кардан* бештар *раво аст!*

**12,13-14** Сарварони яҳудиро ба доми ҳарисии худашон гирифтор карда, Исо дасти хушкшударо шифо дод. Бо фармони *«Дасти худро дароз кун»* имон ва иродаи инсонӣ ба кор андохта шуд. Итоаткорӣ бо шифо мукофотонида шуд. Ба шарофати Офаридгори аҷиб дасти он шахс *монанди дасти дигараш сиҳат шуд*. Шояд, шумо гумон кунед, ки фарисиён барои шифо ёфтани одаме ки онҳо ба вай ёрӣ дода наметавонистанд, хурсанд шуданд? Баръакс, онҳо ба хашм омаданд ва бар зидди Ӯ *машварат намуданд,* то ки *Ӯро ҳалок кунанд*. Агар ягон нафари онҳо дасти хушкшуда медошт, аз шифо ёфтани дастонаш дар ҳар кадом рӯзи ҳафта хеле хурсанд мешуд.

### Д. Шифо барои ҳама (12,15-21)

**12,15-16** Ҳангоме ки *Исо* фикри бади душманонашро *дарёфт, аз он ҷо дур шуд*. Бо вуҷуди ин ҳар ҷое ки Ӯ мерафт, мардуми зиёде ҷамъ мешуданд, ва ҳар ҷое ки беморон ҷамъ мешуданд, *Ӯ ҳамаи онҳоро шифо медод*. Ӯ дар бораи шифоёбиҳои муъҷизанок нақл карданро на барои аз хатар паноҳ ёфтан, балки барои он манъ мекард, ки аз ҳама гуна ҳаракати тӯдаи мардум барои қаҳрамони машҳури халқӣ сохтани Ӯ барканор бошад. Нақшаи Худо бояд иҷро шавад. Инқилоби Ӯ фаро мерасад, аммо на ба воситаи рехтани хуни румиён, балки хуни Худи Ӯ.

**12,17-18** Вазифаи раҳмдилии Ӯ дар он буд, ки мебоист пешгӯии *Ишаъё* 41,9 ва 42,1-4 ба амал меомад. Пайғамбар Масеҳро чун фотеҳи фурӯтан пешбинӣ карда буд. Вай Исоро чун *Бандае* тасвир мекунад, ки *Ӯро* Яҳува *интихоб кардааст:* Дӯстдоштаи Худо, ки Худо аз Ӯ хушнуд аст. Худо *Рӯҳи Худро бар Ӯ мениҳад* – пешгӯие ки ҳангоми таъмиди Исо иҷро шуд. Хизматгузории Ӯ бо сарҳади Исроил маҳдуд нахоҳад буд: *Ӯ ростиро ба халқҳо эълон мекунад*. Гуфтаи охирин бо мурури баландтар садо додани «не»-и Исроил аҳамияти бештаре пайдо мекунад.

**12,19** Сипас Ишаъё пешгӯӣ кард, ки Масеҳ *ситеза ва фиғоне намекунад* ва *овози Ӯро дар кӯчаҳо* намешунаванд. Дигар хел гӯем, Ӯ ошӯбгари сиёсии омма намешавад, ки одамонро барангезад. МакКлейн менависад:

*Ин Подшоҳ, ки «банда»-и Худост, бо ёрии воситаҳои маъмулии ҷисмӣ ё авомфиребии сиёсӣ ва бо ёрии қувваҳои фавқуттабиие ки дар ихтиёраш ҳастанд, барои ба даст овардани мартабаи баланди комилҳуқуқи Худ саъй нахоҳад кард.*[21]

**12,20** Ӯ *найи хамидаро намешиканад* ва ё *пилтаи нимсӯхтаро хомӯш намекунад*. Ӯ барои ба даст овардани мақсадҳои Худ мискинон ва бечорагонро зери по нахоҳад кард. Ӯ шахси мазлум ва дилшикастаро дастгирӣ карда, тақвият хоҳад дод. Ӯ ҳатто шарораи хурдтаринро хоҳад дамид, то даме ки оташ даргирад. Хизматгузории Ӯ то даме ки ростиро ба пирӯзӣ оварда расонад, давом хоҳад кард. Носипосӣ ва нафрати одамӣ наметавонанд муносибати фурӯтанона ва дӯстдоронаи Ӯро хомӯш кунанд.

**12,21** *Ва халқҳо ба номи Ӯ умед мебананд.* Ишаъё калимаҳои дигарро ба кор бурдааст: «... ва ҷазираҳо ба таълимоти Ӯ интизор хоҳанд буд». Аммо маънои онҳо як аст. Ҷазираҳо – ба халқҳои бутпараст дахл дорад. Онҳо чун ононе тасвир карда мешаванд, ки мунтазири Подшоҳии Ӯ ҳастанд, то раияти содиқи Ӯ гарданд. Клейст ва Лиллӣ ба ин иқтибос баҳои баланд медиҳанд:

*Яке аз дурдонаҳои Инҷил, сурати ниҳоят зебои Масеҳ ... Ишаъё ягонагии Масеҳро бо Падар, вазифаи таълим додани халқҳо, олиҳимматии Ӯ дар муносибат бо инсонияти азияткашида ва ғалабаи ниҳоии Ӯро тасвир мекунад: Барои инсоният ғайр аз номи Ӯ ҳеҷ гуна умеди дигаре нест. Масеҳ, Наҷотдиҳандаи ҷаҳон, на бо истилоҳоти хушки илмӣ тасвир шудааст, балки либоси қиматбаҳои тахайюлоти шарқӣ пӯшонида шудааст.*[22]

## Е. Гуноҳи нобахшиданӣ (12,22-32)

**12,22-24** Ҳангоме ки Исо девзадаи *кӯр* ва *гунгро* шифо бахшид, одамони одӣ ба таври ҷиддӣ ба фикр афтоданд, ки Ӯ, эҳтимол, *Писари Довуд,* Масеҳи Исроил аст. Ин *фарисиёнро* ба хашм овард. Онҳо, ки тобу тоқати ҳеҷ гуна ҳусни таваҷҷуҳеро ба Исо надоштанд, гуфтанд, ки Ӯ ин муъҷизаро *ба воситаи Баал-Забул, роҳбари девҳо,* мекунад. Ин айбдоркунии мудҳиш, ки гӯё Исо қувваи шайтониро дорост, бори аввал рӯйрост баён карда шуд.

**12,25-26** Ин фикрҳои онҳоро дарёфта, *Исо* ба фош кардани беақлии онҳо сар кард. Ӯ ба он ишора кард, ки ҳар подшоҳӣ... ҳар шаҳр ё хонаводае ки дар худ ҷудоӣ дорад, устувор истода наметавонад. Агар Ӯ девҳоро бо қувваи шайтонӣ берун карда бошад, он гоҳ шайтон бар зидди худ амал кардааст. Ин ғайриимкон мебуд.

**12,27** Худованди мо ҷавоби дуюми маҳвкунандае барои фарисиён дошт. Баъзе дӯстони яҳудии онҳо, ки чун азоимхонон маълум буданд, мегуфтанд, ки қувваи берун кардани девҳоро доранд. Исо ин гуфтаи онҳоро на рад кард ва на қабул кард, аммо барои нишон додани он истифода бурд, ки агар Ӯ *девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекарда бошад,* пас «писарони фарисиён» (яъне азоимхонони онҳо) низ айнан ҳамин тавр мекунанд. Фарисиён ҳеҷ гоҳ ба ин розӣ шуда наметавонистанд, аммо ба муқобили ин далели мантиқӣ истодагарӣ карда наметавонистанд. Дӯстони худашон фарисиёнро барои ишора ба он ки онҳо лаганбардорони шайтон буда, арвоҳи палидро берун мекунанд, маҳкум хоҳанд кард. Скоуфилд гуфтааст:

*Фарисиён ба ҳар гуна робитаи қувваи шайтонӣ зуд дар хашм мешуданд, зеро ин ба писарони онҳо низ дахл дошт, аммо айбдоркуниашон беасос шуд, чунки, агар Масеҳ девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекарда бошад, он гоҳ писаронашон онҳоро барои ноустуворӣ маҳкум мекарданд: охир, агар қудрати берун кардани девҳо аз шайтон бармеомада бошад, пас ҳар касе ки ин гуна қувваро дорад, бо манбаи ин қувва робита дорад.*[23]

Натиҷаҳои якхеларо бо сабабҳои гуногун тавсиф додан мунтазамии мантиқӣ надорад.

**12,28** Дар асл Исо *девҳоро ба воситаи Рӯҳи Худо берун мекард.* Ҳаёти заминии худро Ӯ бо қувваи Рӯҳулқудс ба сар бурдааст. Ӯ Масеҳи пур аз Рӯҳ буд, ки Ишаъё дар бораи Ӯ пешгӯӣ карда буд (Иш. 11,2; 42,1; 61,1-3). Бинобар ин Ӯ ба фарисиён гуфт: *«Лекин агар ман девҳоро бо Рӯҳи Худо берун мекарда бошам, пас Подшоҳии Худо ба шумо омада расидааст».* Ин изҳорот мебоист зарбаи ҳалокатовар мешуд. Онҳо бо дониши илоҳиётшиносии худ фахр мекарданд, акнун *Подшоҳии Худо ба онҳо омада расидааст,* чунки Подшоҳ дар байни онҳо буд, аммо онҳо ҳатто нафаҳмиданд, ки Ӯ он ҷо буд!

**12,29** Дур аз ҳар гуна иттиҳод бо шайтон буда, Худованд Исо Мағлубкунандаи вай буд. Ӯ инро бо мисоли шахси *зӯрманде* тасвир мекунад. Шахси зӯрманд – шайтон аст. *Хонаи* вай – кураи замин аст, ки вай он ҷо ҳокимиятро дар даст дорад. Чизҳои вай – девҳоанд. Исо Онест ки *зӯрмандро мебандад,* ва ба хонаи вай даромада, *чизҳои вайро ғорат мекунад.* Бастани шайтон зина ба зина ба амал меояд. Он аз хизматгузории ҷамъиятии Исо сар шуд. Он бо марг ва растохези Масеҳ кафолат дода шуд. Он дар сатҳи баландтар ҳангоми Подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ амалӣ хоҳад шуд (Ваҳй 20,2). Ва ниҳоят, он ҳангоми ба кӯли оташ партофта шудани шайтон ҷовидонӣ амалӣ хоҳад шуд (Ваҳй 20,10). Дар замони ҳозира шайтон бастанашуда ба назар мерасад; вай ҳанӯз қувваи зиёдеро зоҳир мекунад. Аммо нобудшавии вай аниқ шудааст, ва вақти вай кӯтоҳ аст.

**12,30** Сипас Исо гуфт: *«Ҳар ки бо Ман нест, ба Ман зид аст; ва ҳар ки бо Ман ҷамъ намекунад, пароканда мекунад»*. Мавқеи куфромези фарисиён нишон дод, ки онҳо бо Худованд нестанд; ва бинобар ин онҳо ба Ӯ *зид* мебошанд. Бо Ӯ ҷамъ карданро рад карда, онҳо ғалларо пош медоданд. Онҳо Исоро дар он айбдор мекарданд, ки девҳоро бо қувваи шайтон берун мекунад, дар ҳоле ки худашон хизматгорони шайтон буданд, ки ба кори Худо зарар расониданӣ мешуданд.

Дар Марқус 9,40 Исо гуфтааст: *«Ҳар кӣ зидди мо нест, бо мост»*. Чунин ба назар мерасад, ки ин мухолифи он чизест, ки ин ҷо дар Матто 12,30 навишта шудааст. Масъала ҳал мешавад, вақте мо мефаҳмем, ки дар Матто ин масъалаи наҷот аст. Одам ё ҳамроҳи Масеҳ аст, ё зидди Ӯ; ҳолати бетарафӣ нест. Дар Марқус сухан дар бораи хизматгузорӣ меравад. Дар байни шогирдони Исо фарқҳои зиёде ҳастанд: фарқ дар хизматгузорӣ дар калисои маҳаллӣ, дар усулҳо ва дар тафсири таълимот. Аммо дар айни ҳол як қоида ҳаст: агар шахс зидди Худованд набошад, пас вай ҳамроҳи Ӯст ва, аз ҳамин сабаб, барои ин бояд сазовори эҳтиром бошад.

**12,31-32** Ин оятҳо бӯҳронро дар муносибатҳои Масеҳ ва роҳбарони Исроил нишон медиҳанд. Ӯ онҳоро дар гуноҳи нобахшиданӣ айбдор мекунад: куфр дар ҳаққи Рӯҳулқудс, яъне гуфтани он ки Исо мӯъҷизаҳои худро на бо қувваи Рӯҳулқудс, балки ба воситаи қувваи шайтон ба амал меорад. Амалан онҳо Рӯҳулқудсро Баал-Забул номиданд, яъне сардори девҳо.

Намудҳои дигари *гуноҳ* ва *куфр* бахшида мешаванд. Кас метавонад ҳатто *бар зидди Писари Одам сухане гӯяд* ва бахшида шавад. Аммо ба Рӯҳулқудс куфр гуфтан куфрест, ки барои он *на дар ин давра, на дар давраи ояндаи* Подшоҳии ҳазорсола бахшиш нест. Ҳангоме ки Исо *«дар ин давра»* гуфт, Ӯ дар бораи давраи хизматгузории Худ дар замин сухан меронд. Асосе барои шубҳа ҳаст, ки оё ҳозир ин хел гуноҳи нобахшиданиро содир кардан метавон, чунки Исо дар замин ҷисман ҳозир нест ва мӯъҷизаҳо ба амал намеорад.

Ин гуноҳи нобахшиданӣ бо рад кардани Хушхабар як нест. Кас метавонад солҳо Наҷотдиҳандаро бо нафрат рад кунад, аммо баъд тавба кунад, имон оварад ва наҷот ёбад. (Албатта, агар вай беимон бимирад, бахшиданашуда мемонад.) Ҳамчунин гуноҳи нобахшиданӣ бо баргаштан аз имон як буда наметавонад. Имондор метавонад дур аз Худованд саргардон бошад вале баъд дар оилаи Худо барои хизматгузорӣ аз нав барқарор карда шавад.

Бисёр одамон дар ғаму андӯҳанд, ки ин гуноҳи нобахшиданиро содир кардаанд. Ҳатто агар ин гуноҳро имрӯз содир кардан мешуда бошад ҳам, худи он ки ин чиз одамро ба ташвиш меорад, тасдиқи он аст, ки вай дар ин гуноҳкор нест. Онҳое ки ин гуноҳро содир кардаанд, дар зиддияти худ ба Масеҳ мустаҳкам ва хастанашаванда буданд. Онҳоро ҳеҷ гуна шубҳаҳо оид ба таҳқири Рӯҳ ба ташвиш намеоварданд, ва онҳо ҳангоми муҳокимаи илоҷи куштани Писари Худо ҳеҷ дудила намешуданд. Онҳоро на виҷдон азоб медод ва на пушаймонӣ.

## Ё. Дарахтро аз меваааш мешиносанд (12,33-37)

**12,33** Ҳатто фарисиён иқрор мешуданд, ки Худованд девҳоро берун карда, кори нек мекард. Аммо ба ҳар ҳол онҳо Ӯро дар бадӣ айбдор карданд. Ин ҷо Ӯ онҳоро дар номувофиқатии худашон айбдор карда, мегӯяд: «Худатон фикр кунед: Агар *дарахт нек* бошад, *меваааш ҳам нек* аст, ва баръакс». Мева сифати дарахтеро, ки онро ба бор меорад, инъикос мекунад. Самари хизматгузории Исо нек буд. Ӯ беморон, нобиноён, карҳо ва гунгҳоро шифо медод, девҳоро берун мекард ва мурдагонро зинда мекард. Оё дарахти вайроншуда ин гуна меваи нек ба бор оварда метавонист? Ин ҳеҷ имкон надорад! Пас чаро онҳо дар рад кардани Ӯ ин гуна истодагарӣ мекарданд?

**12,34-35** Сабаби ин дар он буд, ки онҳо *афъизодагон* буданд. Адовати онҳо ба Писари Одам, ки бо суханони бад тасдиқ карда мешуд, аз дилҳои пуркинаи онҳо бармеомад. Диле ки пур аз некист, инро бо суханони файз ва ҳақиқат тасдиқ мекунад. Дили пуркина худро бо куфр, талхӣ ва дашном маълум мекунад.

**12,36** Исо ба онҳо (ва ба мо низ) бо тантана эълон намуд, ки одамон барои ҳар сухани беҳудае ки мегӯянд, дар рӯзи доварӣ ҷавоб медиҳанд. Азбаски он чи одамон мегӯянд, ифодагари ҳаёти онҳост, пас онҳо барои маҳкумшавӣ ё сафедшавӣ асоси мувофиқеро барпо

мекунанд. Ҷазои фарисиён барои суханони даҳшатовар ва таҳқиромез дар ҳаққи Писари қуддуси Худо чӣ қадар зиёд хоҳад буд!

**12,37** *«Чунки аз суханони худ сафед мешавӣ ва аз суханони худ маҳкум мешавӣ».* Дар хусуси имондорон бошад, музди суханони беандешаи онҳо аллакай ба воситаи марги Масеҳ пардохта шудааст, аммо суханони беандешаи мо, ки эътироф карда ва бахшида нашудааст, боиси аз даст додани мукофот дар доварии Масеҳ хоҳад буд.

### Ж. Аломати пайғамбар Юнус (12,38-42)

**12,38** Новобаста ба ҳамаи муъҷизаҳое ки Исо ба амал овард, *китобдонон ва фарисиён* беҳаёёна аз Ӯ *аломат* талаб карда, бо ин изҳор менамуданд, ки агар Ӯ Масеҳ буданашро исбот кунад, онҳо бовар мекунанд. Аммо дурӯягии онҳо аён буд. Агар онҳо ин қадар муъҷизаҳоро дида, боз ҳам бовар накарда бошанд, пас оё бо дидани боз як муъҷиза бовари ҳосил мекунанд? Барои бовар кардан аломат талаб карданi одам ба хости Худо мувофиқ нест. Чунон ки Исо ба Тумо гуфт: «Хушо касоне ки надида, имон меоваранд» (Юҳ. 20,29). Барои Худо, дидан пас аз бовар кардан меояд.

**12,39** Худованд ба онҳо чун ба *насли бад ва зинокор* муроҷиат мекунад. *Бад,* барои он ки онҳо дидаву дониста Масеҳи худро дидан намехостанд; *зинокор,* барои он ки онҳо рӯҳан ба Худои худ вафодор набуданд. Худо – Офарандаи онҳо, Шахсияти беҳамто, ки дар Ӯ Илоҳияти мутлақ ва табиати комили инсонӣ бо ҳам пайвастаанд, дар байни онҳо истода, гап мезад, ва онҳо боз ҷуръат карда, аз Ӯ аломат талаб мекарданд!

**12,40** Ӯ бе муҳокимаронииҳои зиёд ба онҳо ҷавоб дод, ки ба онҳо ғайр *аз аломати Юнуси пайғамбар* ҳеҷ гуна *аломати* дигаре *дода намешавад,* ва марги Худ, дафншавӣ ва растохези Худро дар назар дошт. Он чи Юнус аз сар гузаронд, ҳангоме ки вайро моҳӣ фурӯ бурд ва сипас қай кард (Юнус 1,17; 2,10), тимсоли азобҳо ва растохези Худованд буд. Аз мурдагон бархостани Ӯ аломати ниҳоӣ ва олитарин дар хизмат ба халқи Исроил хоҳад буд.

Худованди мо пешгӯӣ кард, ки *чунон Юнус се шабонарӯз дар шиками моҳӣ буд, Писари Одам низ се шабонарӯз дар оғӯши замин мешавад.* Мушкилие ба миён меояд. Агар, чунон ки бовар мекунанд, Исо рӯзи ҷумъа пас аз нисфирӯзӣ дафн карда шуда, пагоҳии рӯзи якшанбе зинда шуда бошад, пас чӣ гуна метавон гуфт, ки Ӯ се шабу се рӯз дар қабр буд? Ҷавоб чунин аст: Мувофиқи ҳисоби яҳудиён, ҳар гуна қисми шаб ё рӯз давраи анҷомёфта ҳисобида мешавад. «Рӯзу шаб як *опаҳ-ро* ташкил медиҳанд, ва қисми *опаҳ* монанди бутун аст» (зарбулмасали ибрӣ).

**12,41** Исо бо ду муқоиса гуноҳи роҳбарони яҳудиро нишон дод. Аввалан, бутпарастоне ки дар *Нинве* мезистанд, афзалияти камтаре доштанд ва бо вуҷуди ин, *мавъизаи* пайғамбари мусофир *Юнусро* шунида, бо пушаймонии зиёд *тавба карданд.* Онҳо дар *рӯзи доварӣ* бармехезанд, то ки одамони дар замони Исо мезистаро маҳкум кунанд, чунки Онеро ки *аз Юнус бузургтар аст,* – Писари таҷассумёфтаи Худоро, қабул накарданд.

**12,42** Сониян, *маликаи* Сабо, ғайрияҳудӣ, ки имтиёзе ба монанди имтиёзи яҳудиён надошт, аз ҷануб омад (ва ин бо сарфи молиявӣ ва кӯшишҳои зиёд ба даст омад), то ки бо Сулаймон ҳамсӯҳбат шавад. Барои ибриёни замони Исо ҳеҷ зарурате набуд, ки барои дидани Ӯ ба ҷое сафар кунанд. Ӯ аз осмон ба маҳалли хурди онҳо омад, то ки Подшоҳ-Масеҳи онҳо шавад. Ва дар ҳаёти онҳо барои оне ки *аз Сулаймон* хеле *бузургтар* буд, ҷое ёфт нашуд. Маликаи ғайрияҳудӣ дар рӯзи доварӣ онҳоро барои ин гуна беэътиноии зиёд маҳкум хоҳад кард.

Дар ин боб Худованди мо ҳамчун Оне тасвир ёфтааст, ки аз *маъбад* бузургтар (ояти 6), аз *Юнус* бузургтар (ояти 41) ва аз *Сулаймон* бузургтар аст (ояти 42). Ӯ «аз азимтарин бузургтар ва аз хубтарин беҳтар аст».

### З. Дар бораи бозгаштани рӯҳи нопок (12,43-45)

**12,43-44** Акнун Исо дар шакли маҷозӣ гузашта, ҳозира ва ояндаи Исроили беимонро ҷамъбаст мекунад. *Одаме* ки ин ҷо дар бораш гуфта шудааст, халқи Исроилро ифода мекунад. Рӯҳи нопок бутпарастӣ аст, ки аз замони ғуломӣ дар Миср то асорат дар Бобил ба халқ хос буд. Асорат онро муваққатан аз бутпарастӣ шифо дод. Ин ба он монанд буд, ки рӯҳи

нопок *аз одам берун шавад*. Аз охири асорат сар карда, то давраи тасвиршаванда ибриён ба бутҳо саҷда намекарданд. Онҳо ба хонаи *холӣ, ҷорӯбзада ва ороста* монанд буданд.

Бештар аз нуздаҳ аср пеш Наҷотдиҳандаи мо барои ба ин хонаи холӣ даромадан иҷозат мехост. Ӯ Сокини комилҳуқуқ, Соҳиби ин хона буд, аммо одамон инодкорона Ӯро ба хона даромадан намемонданд. Агарчи онҳо дигар ба бутҳо саҷда намекарданд, онҳо ба Худои ҳақиқӣ низ саҷда намекарданд.

Хонаи *холӣ* аз холигии рӯҳӣ – ҳолати хатарноке дарак медиҳад, чунон ки натиҷаҳояш нишон медиҳанд. Дигаргуниҳо кофӣ нестанд. Наҷотдиҳандаро ҳақиқатан қабул кардан лозим аст.

**12,45** Бо мурури замон рӯҳияи бутпарастӣ қарор медиҳад, ки ба хона ҳамроҳи *ҳафт рӯҳи аз худаш бадтар* баргардад. Азбаски ҳафт – шумораи камолот ё пуррагӣ аст, пас, эҳтимол, он чиз дар назар дошта шудааст, ки гулгулшукуфии бутпарастӣ фаро мерасад. Ин дар оянда дар назар дошта шудааст, дар давраи андӯҳи бузург, вақте ки халқи муртад ба зиддимасеҳ саҷда хоҳад кард. Саҷда ба одами гуноҳкор ва саҷда ба вай ҳамчун ба Худо чунин шакли бутпарастӣ мебошад, ки аз он чи халқ пештар мекард, боз ҳам бадтар аст. Ва бинобар ин ҳолати охирини шахс *бадтар аз аввалаш* мешавад. Дар айёми мусибати бузург Исроили беимон ҷазоҳои даҳшатнок хоҳад дид, ва азобҳои он аз азобҳои асирӣ дар Бобил хеле бештар хоҳанд буд. Як қисми халқ, ки бутпарастӣ мекард, ҳангоми омадани дуюми Масеҳ комилан нобуд карда мешавад.

*Ҳоли ин насли бад низ ҳамин тавр мешавад*. Худи ҳамон халқи муртад, ки Масеҳро ҳангоми омадани аввалинаш рад кард, ва ба Писари Худо беэътиноӣ намуд, дар вақти омадани дуюми Ӯ сахт ҷазо дода мешавад.

### И. Модар ва бародарони Исо (12,46-50)

**12,46-50** Дар ин оятҳо ҳолати гӯё одие тасвир мешавад, вақте хешовандони Исо барои бо Ӯ гап задан омаданд. Онҳо барои чӣ омаданд? Марқус барои фаҳмидани ин ба мо калиде дода метавонад. Баъзе дӯстони Исо гумон карданд, ки Ӯ бехуд шудааст (Марқ. 3,21.31-35), ва, эҳтимол, аҳли хонаводаааш барои оҳистаякак бурдани Ӯ омада буданд (ниг. инчунин Юҳ. 7,5). Ҳангоме ба Исо гуфтанд, ки *модар ва бародаронаш омада, дар берун истодаанд ва мехоҳанд бо Ӯ гуфтугӯ кунанд*, Худованд бо саволе ҷавоб дод: *«Кист модари Ман, ва кистанд бародарони Ман?»* Сипас Ӯ *ба шогирдони Худ* ишора карда, гуфт: *«Ҳар кӣ хости Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо оварад, ҳамон кас бародару хоҳару модари Ман аст»*.

Ин изҳороти ҳайратовар маънои рӯҳонӣ дорад. Он нуқтаи возеҳи гардишро дар муносибатҳои Исо бо Исроил нишон медиҳад. Марям ва писарони вай ифодакунандагони халқи Исроил, хешовандони Исо буданд. То ҳол хизматгузории Ӯ ба гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил равона шуда буд. Аммо аён мегардид, ки халқаш Ӯро нахост. Ба ҷои он ки дар назди Масеҳи худ сар хам кунанд, фарисиён Ӯро дар васвосии шайтон будан айбдор карданд.

Бинобар ин акнун Исо тартиби навро эълон мекунад. Минбаъд муносибатҳои Ӯ бо Исроил омили роҳбарикунандаи рафтори Ӯ нахоҳанд шуд. Агарчи дили ҳамдарди Ӯ барои ҳамватанони ҷисмонии Худ шафоат карданро давом медиҳад, боби 12 нишон медиҳад, ки ҷудоии Ӯ аз Исроил аён аст. Натиҷаи ин равшан аст. Исроил Ӯро қабул накард, бинобар ин Ӯ ба онҳое рӯ меоварад, ки Ӯро қабул мекунанд. Муносибатҳои ҳамхунӣ бо муносибатҳои рӯҳонӣ иваз карда мешаванд. Итоат ба Худо мардон ва занонро, хоҳ яҳудӣ бошанд ва ё аз халқҳо, ба муносибатҳои ҳаётбахш бо Ӯ меоварад.

Пеш аз он ки ин воқеаро тарк кунем, мо бояд ду нуқтаи назарро, ки ба модари Исо дахл доранд, зикр намоем. Аввалан, агар гап дар бораи ба ҳузури Ӯ даромадан бошад, пас аён аст, ки Марям мавқеи имтиёзнокро ишғол намекард.

Сониян, зикри бародарони Исо он таълимотеро барҳам мезанад, ки гӯё Марям то охири умр бокира буд. Ақидае асоснок аст, ки онҳо ҳақиқатан писарони Марям буданд, ва аз ин рӯ бародарони угайи Худованди мо буданд. Ин нуқтаи назар дар ҷойҳои зерини Навиштаҳо тасдиқ мешавад: Заб. 68,9; Мат. 13,55; Марқ. 3,31.32; 6,3; Юҳ. 7,3.5; Аъм. 1,14; 1Қур. 9,5; Ғал. 1,19.

## VIII. ПОДШОҲИ АЗ ТАРАФИ ИСРОИЛ РАДШУДА ШАКЛИ НАВИ МОБАЙНИИ ПОДШОҲИРО ЭЪЛОН МЕКУНАД (Б. 13)

## МАСАЛҲОИ ПОДШОҲӢ

Мо ба лаҳзаи бӯҳронии Инҷили Матто наздик шудем. Исо ишора намуд, ки минбаъд муносибатҳои заминӣ бояд бо робитаҳои рӯҳонӣ иваз карда шаванд ва акнун на аслу насаби ибронӣ, балки итоаткорӣ ба Худо Падар асосӣ аст. Подшоҳро рад карда, китобдонон ва фарисиён ногузир Подшоҳиро низ рад карданд. Акнун бо ёрии силсилаи масалҳо Худованд Исо нишон медиҳад, ки дар давраи байни радшавии Ӯ то бозомадани ниҳоии Ӯ чун Подшоҳи подшоҳон ва Худованди ҳукмронон Подшоҳӣ кадом шаклро мегирад. Шаштои ин масалҳо бо чунин суханон сар мешаванд: «Подшоҳии Осмон монанди...».

Биёед барои дар дурнамои дуруст дидани ин масалҳо муҳокимаронихои худро дар боби 3 ба хотир меорем. Подшоҳии Осмон соҳаест, ки дар он ҳокимияти Худо эътироф карда мешавад. Он ду ҷанба дорад: 1) *эътирофи берунӣ* – ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки дар сухан ҳокимияти Худоро қабул мекунанд, ва 2) *ҳақиқати дохилӣ* – танҳо ононеро дар бар мегирад, ки ба воситаи тавба ва имон ба Подшоҳӣ дохил шудаанд. Мо дар бораи 5 марҳилаи Подшоҳӣ мехонем: 1) марҳилаи Аҳди Қадим, ки дар он Подшоҳиро пайғамбарон пешгӯӣ карда буданд; 2) марҳилае ки дар он Подшоҳӣ дар шахси Подшоҳ «наздик шудааст», ё ҳузур дошт; 3) давраи мобайнӣ, пас аз радшавии Подшоҳ ва ба осмон баргаштани Ӯ дар замин одамоне ҳастанд, ки тобеони Подшоҳ будани худро изҳор мекунанд; 4) ҳузури ошкорои он дар замони Подшоҳии Ҳазорсола; 5) ва, ниҳоят, Подшоҳии ҷовидонӣ. Ҳар як ишораи Навиштаи Муқаддасро оид ба Подшоҳӣ ба яке аз ин марҳилаҳо марбут донистан метавон. Дар боби 13-ум сухан танҳо дар бораи марҳилаи сеюм меравад. Дар ин давра, аз Пантикост то ба осмон бурда шудани Калисо, Подшоҳӣ дар воқеияти дохилӣ (имондорони ҳақиқӣ) эҷод карда мешавад, – аз ҳамон одамоне ки Калисо аз онҳо иборат аст. Ин ягона чизест, ки Калисо ва Подшоҳӣ дар он як ҳастанд. Аз дигар ҷиҳатҳо онҳо як нестанд.

Гуфтаҳои болоиро дар ёд дошта, биёед ин масалҳоро аз назар мегузаронем.

### A. Масал дар бораи коранда

**13,1** *Исо аз хонае* ки дар он девонаро шифо дод, *берун омада, дар канори кӯли* Ҷалил *нишаст.* Бисёр омӯзандагони Навиштаи Муқаддас ин хонаро ҳамчун тимсоли халқи Исроил тасаввур мекунанд, ва баҳрро – чун тимсоли халқҳо. Ҳамин тариқ, ин ҷойивазкунии Худованд рамзи ҷудоӣ аз Исроил аст; дар марҳилаи мобайнӣ Подшоҳӣ ба халқҳо мавъиза карда мешавад.

**13,2** Вақте ки *мардуми бисёре* дар соҳил *ҷамъ омаданд,* Ӯ ба киштӣ даромада нишаст ва бо *масалҳо* ба мардум таълим доданро сар кард. Масал – ҳикоятест, ки ягон панди рӯҳонӣ ё ахлоқиро таъкид мекунад ва бисёр вақт маънои пӯшида дорад. Ҳафт масали баъдина ба мо дар бораи он нақл мекунанд, ки Подшоҳӣ дар давраи байни омадани аввал ва дуюми Масеҳ ба чӣ монанд хоҳад буд.

Чор масали аввал барои мардум нақл карда шуд, аммо сетои дигар танҳо барои шогирдон буд. Ду масали аввал ва масали ҳафтумро Худованд ба шогирдон фаҳмонд, ва ба ин тариқ ба онҳо (ва ба мо) имконияти бо ёрии калидҳои додааш маънидод кардани масалҳои боқимондаро дод.

**13,3** Масали аввал дар бораи корандае нақл мекунад, ки дар чор намуди гуногуни хок тухмӣ пошид. Чунон ки бояд мешуд, натиҷаҳо дар ҳар маврид ҳар хел буданд.

**13,4-8**

| ХОК | НАТИҶАҲО |
|---|---|
| 1. Хоки сахт лагадкӯбшудаи роҳ | 1. Парандагон тухмиҳоро хӯрданд. |
| 2. Қабати тунуки хок дар болои санглох | 2. Тухмӣ зуд сабзид, аммо реша надошт, офтоб онро пажмурда кард ва он хушк шуд. |
| 3. Хоке ки бар он хорҳо рӯидаанд. | 3. Тухмӣ сабзид, аммо аз сабаби хори бисёр он нашъунамо накард. |
| 4. Хоки нағз | 4. Тухмӣ сабзид, нашъунамо кард ва бор овард. Баъзе пояҳо сад, баъзе шаст ва баъзе сӣ баробар бор оварданд. |

**13,9** Исо масалро бо огоҳкунии пурасрор анҷом медиҳад: *«Ҳар ки гӯши шунаво дорад, бишнавад»*. Дар ин масал Ӯ ба мардум як хабари муҳимеро мерасонд, ва ба шогирдон хабари дигареро. Касе набояд маънои муҳими суханони Ӯро нафаҳмад.

Азбаски Худованд Худаш ин масалро дар оятҳои 18-23 мефаҳмонад, мо ҳисси кунҷковии худро то расидан ба ин порча бозмедорем.

**Б. Вазифаи масалҳо (13,10-17)**

**13,10** *Шогирдон* ҳайрон мешуданд, ки чаро Худованд ба мардум бо забони ниҳонии *масалҳо сухан мегӯяд*. Бинобар ин онҳо аз Исо хоҳиш карданд, ки усули Худро фаҳмонад.

**13,11** Ба шогирдон ҷавоб дода, Исо байни мардуми зиёди беимон ва шогирдони имондор фарқ мегузорад. Мардум, намояндагони ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, Ӯро рӯйрост рад мекарданд, агарчи то салиб ин радкунии онҳо қатъӣ набуд. Донистани *асрори Подшоҳии Осмон* ба онҳо ато нашудааст, дар ҳоле ки ба пайравони ҳақиқии Ӯ барои фаҳмидан ёрӣ дода мешавад.

Сирр дар Аҳди Нав далеле мебошад, ки то ҳол ба инсон маълум набуд, ва инсон онро берун аз ваҳйи илоҳӣ дарк карда наметавонад, аммо ҳоло он ошкор шуд. Асрори Подшоҳӣ ҳақиқатҳои то он вақт номаълуме мебошанд, ки ба шакли мобайнии Подшоҳӣ дахл доранд. Худи он ҳақиқат, ки Подшоҳӣ шакли мобайнӣ хоҳад дошт, то ҳол сирр буд. Масалҳо баъзе хусусиятҳои Подшоҳиро дар давраи ҳузур надоштани Подшоҳ тасвир мекунанд. Баъзеҳо инро на аз сабаби ягон чизи пурасрор доштанаш «шакли ниҳонии Подшоҳӣ» меноманд, балки барои он ки то ҳол дар бораи ин шакл чизе маълум набуд.

**13,12** Метавонад ноодилона тобад, ки ин асрор бояд аз мардум пинҳон карда шуда, танҳо ба шогирдон ошкор карда шаванд. Аммо Худованд инро асоснок мекунад: *«Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда мешавад; лекин ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта мешавад»*. Шогирдон ба Худованд имон доштанд, бинобар ин ба онҳо лаёқатҳо барои фаҳмиши бештар дода шудаанд. Онҳо нурро қабул карданд, барои ҳамин ҳам онҳо нури бештаре хоҳанд гирифт. Аммо халқи яҳудӣ, баръакс, Нури ҷаҳонро рад кард, бинобар ин на танҳо дар қабул кардани миқдори бештари нур дар назди вай монеае гузошта шудааст, балки вай он чизи камеро, ки дошт, аз даст хоҳад дод. Аз Нур рӯй гардонда, кас нурро тамоман аз даст медиҳад.

**13,13** М. Ҳенрӣ *масалҳоро* ба сутуни абр ва оташ монанд мекунад, ки барои исроилиён роҳро равшан мекард ва мисриёнро ба ошуфтагӣ меовард. Масалҳо ба ононе ошкор мешаванд, ки самимона инро мехоҳанд, ва «боиси хашми ононе мешаванд, ки ба Исо душманӣ доранд».

Пас ин ҳамин тавр як нозунузи Худованд набуда, такмили қоидаест, ки дар асоси зиндагии мо гузошта шудааст: Дидаву дониста нодида гирифтан боиси кӯрии ҳуқуқӣ мешавад. Ана аз ин сабаб Ӯ бо яҳудиён бо масалҳо гап мезад. Ҳ. С. Вудринг инро чунин ифода намудааст: «Азбаски онҳо ҳақиқатро дӯст намедоштанд, онҳо ба нури ҳақиқат нарасиданд».[24] Онҳо мегуфтанд, ки мебинанд, яъне ҳақиқати илоҳиро медонанд, аммо Ҳақиқати таҷассумёфта дар наздашон меистод, ва онҳо дидани онро қатъиян рад карданд. Онҳо мегуфтанд ки Каломи Худоро мешунаванд, аммо Каломи зиндаи Худо дар байни онҳо буд ва онҳо ба Ӯ итоат накарданд. Онҳо падидаи муъҷизаноки таҷассумро фаҳмидан нахостанд, ва аз ҳамин сабаб аз лаёқати фаҳмидан маҳрум шуданд.

**13,14-15** Онҳо иҷроиши зиндаи пешгӯии Ишаъё буданд (6,9.10). Дили Исроил *сахт ва гӯшаш* ба Каломи Худо *вазнин шудааст*. Яхудиён дидаву дониста бо *чашмони худ диданро* рад карданд. Онҳо медонистанд, ки агар мешуниданд, медиданд ва тавба мекарданд, Худо онҳоро шифо медод. Аммо онҳо дар бемори ва эҳтиёҷи худ аз ёрии Ӯ даст кашиданд. Бинобар ин ҷазо барои онҳо дар он буд, ки *хоҳанд шунид, вале нахоҳанд фаҳмид, нигоҳ хоҳанд кард, вале* дарк нахоҳанд кард.

**13,16-17** Ба шогирдон имтиёзи бузурге дода шуда буд, чунки онҳо чизҳоеро медиданд, ки пештар ҳеҷ кас надида буд. Пайғамбарон ва росткорони Аҳди Қадим мехостанд дар давраи омадани Масеҳ зиндагӣ кунанд, аммо хоҳиши онҳо амалӣ нашуд. Шогирдон дорои шарафи дар ин давраи гузариши таърих зистан, Масеҳро дидан, шоҳиди муъҷизаҳои Ӯ будан ва шунидани таълимоти бемисле буданд, ки аз даҳони Ӯ мебаромад.

**В. Тавзеҳи масал дар бораи коранда (13,18-23)**

**13,18** Худованд сабаби бо масалҳо сухан ронданашро фаҳмонида, акнун ба тавзеҳи масал оид ба чор намуди хок сар мекунад. Ӯ намегӯяд, ки коранда кист, аммо мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки ин ё Худи Ӯст (ояти 37), ё ононе ки оид ба Подшоҳӣ мавъиза мекунанд. Ӯ мефаҳмонад, ки тухмӣ Каломи Подшоҳӣ мебошад (ояти 19). Хок шунавандагони хабар оид ба Подшоҳӣ мебошанд.

**13,19** Роҳи сахт лагадкӯбшуда – ононе мебошанд, ки Хушхабарро қабул кардан намехоҳанд. Онҳо онро мешунаванд, аммо *намефаҳманд,* – на барои он ки наметавонанд, балки барои он ки *намехоҳанд.* Парандагон иблисро ифода мекунанд; вай тухмии коридаро аз дили ҳамин гуна шунавандагон *мерабояд.* Вай бо онҳо дар бесамарие ки интихоб кардаанд, ҳамкорӣ мекунад. Фарисиён ҳамин гуна шунавандагон бо хоки сахт буданд.

**13,20-21** Вақте ки Худованд дар бораи хоки санглох сухан меронд, қабати тунуки хокро дар назар дошт, ки харсангро мепӯшонад. Он ифодагари одамонест, ки *каломро мешунаванд ва бо шодӣ қабул мекунанд.* Дар ибтидо шояд табъи коранда аз он хуш мешавад, ки мавъизааш бомуваффақият аст. Аммо ба зудӣ вай дарси амиқтаре хоҳад омӯхт, ки хабарро бо шодӣ ва табассум қабул кардан на ҳамеша хуб аст. Дар аввал бояд маҳкум намудани гуноҳ, пушаймонӣ ва тавба бошад. Он ҳолате бештар дилпуркунанда аст, ки шахси ба Ҷолҷолто мерафта ашкбор бошад, на ин ки беташвиш ва беҳад хурсанд. Хоки тунук эътирофи рӯякиро ба бор меорад, он ҷо умқе барои реша нест. Ҳангоме ки эътирофи ин гуна одам ба офтоби сӯзони *азият* ё *таъқибот* дучор мешавад, вай қарор медиҳад, ки ин арзиши онро надорад, ва аз ҳар гуна эътирофи тааллуқ доштан ба Масеҳ даст мекашад.

**13,22** Замине ки бо хорзор пӯшида аст, хели дигари одамон аст, ки Каломро рӯякӣ мефаҳманд. Зоҳиран онҳо чун шаҳрвандони Подшоҳӣ менамоянд, аммо пас аз муддате *ташвиши ин зиндагӣ ва фиребандагии сарват* шавқу рағбати онҳоро ба Подшоҳӣ хомӯш мекунад. Дар ҳаёти онҳо самаре барои Худо нест. Г. Ҳ. Ланг писари падари пулпарастеро мисол меорад, ки дорои корхонаи азими тиҷоратист. Ин писар дар ҷавонӣ Каломро шунида буд, аммо баъд ба тиҷорат ғӯтавар шуд.

*Ба зудӣ вай дар назди интихобе меистод: ба Писари Худо хуш ояд ё ба падар. Ҳамин тариқ, хорҳо дар хок буданд, вақте ки донаҳо кошта шуда, нашъунамо мекарданд. Андешаҳои ин замона ва ҳирси сарват дар паҳлуяш буданд. Вай ба гапи падар даромада, вақти худро пурра ба тиҷорат бахшид ва ба дараҷаи роҳбари консерн расид, аммо ҳангоме ки дар ҳаёт ба муваффақият ноил шуд, бояд иқрор мешуд, ки аз арзишҳои осмонӣ сарфи назар кард. Вай мехост машғулиятҳои худро тарк кунад ва ба арзишҳои рӯҳонӣ бештар аҳамият диҳад, аммо Худо таҳқиршуда буда наметавонад. Ин мард ба истеъфо баромад ва пас аз якчанд моҳ ғайричашмдошт мурд. Вай 90 000 фунт стерлинг ва ҳаёти аз ҷиҳати рӯҳонӣ беҳуда сарфшударо боқӣ гузошт. Хорҳо Каломро пахш карданд, ва он бесамар монд.*[25]

**13,23** *Хоки нағз* рамзи имондори ҳақиқист. Вай Каломро *мешунавад,* қабул мекунад ва ба воситаи итоаткорӣ ба чизи мешунидааш *мефаҳмад.* Агарчи на ҳамаи ин гуна имондорон миқдори баробари меваҳоро ба бор меоранд, онҳо бо меваҳояшон нишон медиҳанд, ки ҳаёти илоҳиро доранд. *Бор* ин ҷо, аниқтараш, зуҳуроти хислати масеҳиёна аст, на ҷоне ки барои Масеҳ ба даст оварда шудааст. Калимаи «бор» ё «мева» дар Аҳди Нав одатан маънои самари Рӯҳро дорад (Ғал. 5,22.23).

Ин масал ба тӯдаи мардум чиро бояд гӯяд? Яқин аст, ки он аз хатари шунидан ва итоаткор набудан огоҳӣ медиҳад. Он инчунин ба он равона карда шудааст, ки одамони ҷудогонаро водор созад, ки Каломро самимона қабул кунанд ва сипас инро исбот кунанд – барои Худо самар оваранд. Дар хусуси шогирдон бошад, масал барои он хизмат мекард, ки онҳо ва пайравони ояндаро ба фаҳмидани он ҳақиқати ҳайратовар, ки танҳо қисми ками шунавандагони хабари наҷот ҳақиқатан наҷот меёбад, омода намояд. Он тобеони ҳақиқии Масеҳро аз хаёли ботиле ҳифз мекунад, ки тамоми ҷаҳон ба воситаи паҳн кардани Хушхабар имон меоварад. Ин масал инчунин шогирдонро аз он огоҳӣ медиҳад, ки Хушхабар се душмани асосӣ дорад: 1) иблис (парандагон – бадкирдор); 2) ҷисм (офтоби сӯзон – андӯҳҳо ва таъқибот) ва 3) ҷаҳон

(хорзор – андешаҳои ин замона ва ҳирси сарват).

Дар хулоса ба шогирдон фаҳмонида шудааст, ки он қуввате ки ба одамон дода мешавад, то кадом андозаи бузург самар меоварад. Сӣ баробар – баргаштани 3000 фоиз, шаст баробар – 6000 фоиз, ва сад баробар – 10 000 фоизи кошташуда. Амалан натиҷаҳои ҳар як ҳодисаи имон овардани ҳақиқиро чен кардан имконнопазир аст. Як муаллими мактаби якшанбегӣ дар дили Д. Л. Мудӣ тухмӣ корид. Муди дигаронро ба даст овард. Онҳо, дар навбати худ, дигаронро. Муаллими мактаби якшанбегӣ чун ибтидои реаксияи занҷирие хизмат кард, ки ҳеҷ ба охир намерасад.

## Г. Масал дар бораи гандум ва мастак (13,24-30)

Масали болоӣ он ҳақиқатеро равшан тасвир мекард, ки ба Подшоҳии Осмон ҳам онҳое дохил мешаванд, ки ба Подшоҳ бо лабҳо хизмат мекунанд, ва ҳам онҳое ки шогирдони ҳақиқии Ӯ ҳастанд. Се намуди аввали хок Подшоҳиро дар доираи васеи он тасвир медиҳад – эътирофи зоҳирӣ. Намуди чоруми хок Подшоҳиро чун доираи хурдтар – имондорони ҳақиқӣ – тасвир мекунад.

**13,24-26** *Масали* дуюм, дар бораи гандум ва мастак, низ ҳамин ду ҷанбаи Подшоҳиро тасвир мекунад. Гандум ифодагари имондорони ҳақиқӣ аст, мастак – онҳое ки танҳо бо лабҳо эътироф мекунанд. Исо *Подшоҳиро* бо одаме монанд мекунад, ки *дар киштзори худ тухмии некӯ коштааст; лекин ҳангоме ки одамон дар хоб буданд, душмани вай омада, дар байни гандум алафи бегона кошт ва рафт.* Унгер мегӯяд, ки алафи бегонаи одитарине ки дар киштзорҳои сарзамини Исроил паҳн гаштааст, «алафи заҳрнокест, ки вақте қад мекашад, онро аз гандум фарқ кардан ғайриимкон аст. Аммо вақте ки киштзор хӯша мебандад, гандумро аз алафи бегона ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст».[26]

**13,27-28** Вақте *ғуломон* диданд, ки мастак бо гандуми некӯ омехта шудааст, онҳо аз соҳиби киштзор пурсиданд, ки ин чӣ хел шудааст. Вай зуд пай бурд, ки ин кори *душман* аст. *Ғуломон* ҳозир буданд, ки алафҳои бегонаро решакан кунанд.

**13,29-30** Аммо соҳиби киштзор фармуд, ки то дарав сабр кунанд. Баъд даравгарон онҳоро ҷудо мекунанд. Гандум ба анборҳо ҷамъ карда мешавад, мастакҳо сӯзонида мешаванд. Чаро соҳиби киштзор фармуд, ки ҷудо кардани гандум аз мастак мавқуф гузошта шавад? Дар табиат решаҳои гандуму мастак чунон бо ҳам мепечанд, ки амалан якеро бе дигаре решакан кардан имкон надорад.

Ин масалро Худованди мо дар оятҳои 37-43 мефаҳмонад, бинобар ин мо шарҳи минбаъдаро мавқуф мегузорем.

## Ғ. Масал дар бораи донаи хардал (13,31-32)

Сипас Наҷотдиҳанда *Подшоҳии* Осмонро ба *донаи хардал* монанд мекунад, ки Ӯ онро *хурдтарини тухмҳо* меномад, хурдтарин дар таҷрибаи шунавандагонаш.

Ҳангоме ки одам яке аз ин гуна тухмҳоро корид, он то ба андозаи дарахте сабзид. Ин сабзиши фавқулода аст. Растании муқаррарии хардал бештар ба бутта монанд аст. *Дарахт* чунон калон буд, ки *мурғони ҳаво дар шохаҳояш ошёна сохта* метавонистанд.

Дона рамзи ибтидои хурди Подшоҳӣ аст. Дар ибтидо Подшоҳӣ ба сабаби таъқибот нисбатан хурд ва пок буд. Аммо ба шарофати пуштибонӣ ва ҳимояи давлат он нумуи ғайриодиро аз сар гузаронид. Сипас парандагон парида омаданд ва дар он ошён гузоштанд. Барои парандагон ин ҷо ҳамон калимае истифода шудааст, ки дар ояти 4 ҳаст: Исо фаҳмонид, ки парандагон маънои иблисро доранд (ояти 19). Подшоҳӣ ҷои ошёнгузории иблис ва думравони вай шуд. Имрӯзҳо дар паси пардаи масеҳият чунин таълимотҳои радкунандаи Масеҳ ба монанди Унитаризм, «Илми Масеҳӣ», Мормонизм, Шоҳидони Яҳува ва «Калисои ягонагӣ» (Калисои Мун) пинҳон шудаанд.

Инак, ин ҷо Худованд шогирдонро огоҳ кард, ки дар вақти набудани Ӯ Подшоҳӣ ба таври ғайриодӣ нуму хоҳанд кард. Онҳо набояд фирефта шуда, инро ҳамчун дастовард ҳисобанд. Ин нумуи носолим хоҳад буд. Агарчи донаи нафис аз ҷиҳати андоза дарахти ғайриодӣ мешавад, бузургии он *«маскани девҳо ва паноҳгоҳи ҳар рӯҳи палид ва паноҳгоҳи*

*ҳар парандаи нопоку нафратовар»* мегардад (Ваҳӣ 18,2).

## Д. Масал дар бораи хамиртуруш (13,33)

**13,33** Сипас Исо *Подшоҳиро* бо *хамиртуруш* монанд мекунад, *ки зане онро ба се ченак орд андохт.* Дар натиҷа ҳамаи орд расид (турш шуд). Ин масалро ба таври одӣ маънидод мекунанд: Орд ҷаҳон аст, ва хамиртуруш Хушхабар аст, ки дар тамоми ҷаҳон мавъиза карда мешавад, то даме ки ҳама наҷот ёбанд. Аммо ин нуқтаи назар аз тарафи Навиштаҳо, таърих ва ҳодисаҳои замони ҳозира тасдиқ карда намешавад.

Хамиртуруш дар Навиштаи Муқаддас ҳамеша ифодакунандаи ягон хел бадӣ аст. Ҳангоме Худо ба халқи Худ фармуд, ки хонаҳоро аз чизҳои хамиртурушдор холӣ кунанд (Хур. 12,15), онҳо инро фаҳмиданд. Одамеро, ки аз рӯзи аввал то ҳафтуми иди фатир ягон чизи хамиртурушдор мехӯрд, аз байни халқи Исроил берун кардан лозим буд. Исо аз хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён (Мат. 16,6.12) ва хамиртуруши Ҳиродус (Марқ. 8,15) бохабар мекард. Дар 1Қуринтиён 5,6-8 хамиртуруш маънои камбудӣ ва бадиро дорад; ва дар алоқамандии матни Ғалотиён 5,9 бошад ишора меравад, ки он дар ин ҷо маънои таълимоти бардурӯғро дорад. Уму ман хамиртуруш маънои таълимоти бардурӯғ ё рафтори гуноҳкоронаро дорад.

Ҳамин тариқ, дар ин масал Худованд аз ин огоҳӣ медиҳад, ки ҳокимияти бадӣ кори худро дар *Подшоҳии Осмон* пеш мебарад. Масал дар бораи донаи хардал зоҳиршавии бадиро дар доираи берунии Подшоҳӣ тасвир мекунад; ин масал нишон медиҳад, ки вайронии дохилӣ ҳам рӯй медиҳад.

Мо чунин фикр мекунем, ки дар ин масал *орд* ифодакунандаи ғизое барои халқи Худо аст, ки мо инро дар Навиштаи Муқаддас пайдо мекунем. *Хамиртуруш* таълимоти бардурӯғ аст. *Зан* пайғамбари дурӯғин аст, ки таълим дода, ба гумроҳӣ мебарад (Ваҳӣ 2,20). Оё ин қобили таваҷҷуҳ нест, ки занон асосгузорони баъзе мазҳабҳои бардурӯғ буданд? Агарчи Навиштаи Муқаддас таълим доданро дар Калисо ба онҳо манъ кардааст (1Қур. 14,34; 1Тим. 2,12), баъзеҳо ба ин рӯйрост беитоатӣ мекунанд, ва ҷойҳои муаллифони таълимотро ишғол намуда, ғизои халқи Худоро бо бидъатҳои харобиовар палид намудаанд.

Ҷ. Ҳ. Брукс мегӯяд:

*Агар ҷавоби инкоркунандае пайдо шавад, ки Масеҳ Подшоҳии Осмонро ба ягон чизи гуноҳолуд монанд намекард, бояд ҷавоб дод, ки Ӯ Подшоҳиро ба он чизе монанд мекунад, ки гандум ва алафи бегона, моҳии хуб ва бад дорад; ки дар он ҷо ғуломи бад ҳаст (Мат. 18,23-32) ва одаме ки либоси тӯёна надошт ва ҳалок шуд (Мат. 22,1-13).*

## Е. Истифодаи масалҳо ҳамчун иҷрошавии пешгӯӣ (13,34-35)

**13,34-35** Исо чор масали аввалро ба *мардум* нақл кард. Ин усули таълимро истифода бурда, Худованд пешгӯии Ософро дар Забур 77,2 иҷро кард, ки Масеҳ бо *масалҳо* сухан хоҳад гуфт ва *муаммоҳои замони қадимро* баён хоҳад кард. Хусусиятҳои шакли мобайнии Подшоҳии Осмон, ки то ин вақт ниҳон буданд, акнун ошкор гаштанд.

## Ё. Фаҳмонидани масал дар бораи мастак (13,36-43)

**13,36** Қисми дигари насиҳатҳоро Худованд ба шогирдон дар *хона* баён намуд. Ин ҷо шогирдон метавонанд бақияи имондори Исроилро ифода кунанд. Зикри дубораи хона моро ба он фикр меорад, ки Худо халқи Худро, ки пешакӣ онро мешинохт, на то абад тарк кардааст (Рум. 11,2).

**13,37** Дар шарҳи масал оид ба гандум ва мастак Исо Худро ба коранда ташбеҳ медиҳад. Дар айёми хизматгузории заминӣ Ӯ бевосита Худаш мекорид ва дар ҳамаи асрҳои оянда ба воситаи шогирдонаш мекорид.

**13,38** Киштзор ҷаҳон аст. Задаро бояд ба он гузошт, ки киштзор ҷаҳон аст, на Калисо. *Тухмии некӯ – Писарони Подшоҳӣ ҳастанд.* Шояд фикр дар бораи мавҷудоти инсоние ки ба замин корида шудаанд, хандаовар ва аҷоиб тобад. Аммо моҳияти гап он аст, ки ин писарони Подшоҳӣ дар ҷаҳон корида шудаанд. Дар солҳои хизматгузории ҷамъиятии Худ Исо дар ҷаҳон шогирдонашро, ки тобеони содиқи

Подшоҳии Ӯ буданд, мекорид. Мастакҳо – писарони иблис мебошанд. Шайтон ба ҳама чизи пок тақлид карда метавонад. Вай ба ҷаҳон ононеро мекорад, ки ба шогирдони Масеҳ монанд мебошанд, монанди онҳо гап мезананд, дар баъзе ҳолатҳо монанди онҳо рафтор мекунанд, аммо дар айни замон пайрави ҳақиқии Подшоҳ нестанд.

**13,39** Душман – иблис, мухолифи Худо ва тамоми халқи Худо аст. *Дарав анҷоми олам аст,* ва охири шакли мобайнии Подшоҳӣ буда, он вақт фаро мерасад, ки Масеҳ дар ҷалол бозмеояд, то ки чун Подшоҳ ҳукмронӣ кунад. Худованд анҷоми оламро ба анҷоми давраи Калисо мансуб намедонад; агар ба ин ҷо Калисо дохил карда шавад, ин боиси бесарусомонӣ мегардад.

**13,40-42** Даравгарон – фариштагонанд (ниг. Ваҳй 14,14-30). Дар давоми марҳилаи ҳозираи Подшоҳӣ барои бо қувва ҷудо кардани гандум аз мастак ҳеҷ гуна кӯшише ба амал бароварда намешавад. Ба онҳо имкон дода шудааст, ки якҷоя нумӯ кунанд. Аммо ҳангоми омадани дуюми Масеҳ фариштагон ҳамаи васвасакорон ва ҳамаи бадкоронро ҷамъ карда, ба *кӯраи оташ* мепартоянд, ки он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд.

**13,43** Раияти ҳақиқии Подшоҳӣ, ки дар давраи Мусибати бузург дар замин хоҳанд буд, ба *Подшоҳии Падари худ* дохил мешаванд, то ки аз Подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ лаззат баранд. Онҳо *чун офтоб дурахшон мешаванд,* яъне дар ҷалол хоҳанд дурахшид.

Ва боз Исо огоҳонидани ҷиддиро илова мекунад: «Ҳар ки гӯши шунаво дорад, бишнавад!»

Ин масал аъзои калисои маҳаллӣ будани беимононро раво намедонад, чуноне ки баъзеҳо барғалат мепиндоранд. Дар ёд нигоҳ доред, ки киштзор ҷаҳон аст, на Калисо. Ба калисоҳои маҳаллӣ ба таври возеҳ фармуда мешавад, ки шахсони дар гуноҳҳои муайяни бадахлоқона айбдорро аз байни худ берун кунанд (1Қур. 5,9-13). Ин масал танҳо меомӯзад, ки Подшоҳии Осмон дар шакли ниҳониаш ҳақиқӣ ва риёкорона, аслӣ ва сохтакоронаро дар бар мегирад, ва ин ҳолат то анҷоми олам давом хоҳад кард. Сипас фиристодагони Худо риёкоронро, ки маҳкум хоҳанд шуд, аз росткорон, ки барои ҳукмронии пурҷалоли Масеҳ дар замин шодмонӣ хоҳанд кард, ҷудо мекунанд.

## Ж. Масал дар бораи ганҷи ниҳон (13,44)

**13,44** Ҳамин тариқ, ҳамаи масалҳо меомӯзанд, ки дар Подшоҳии Осмон тобеони бад ва нек, ҳақиқӣ ва риёкор хоҳанд буд. Ду масали оянда ба мо нишон медиҳанд, ки ду намуди тобеони ҳақиқӣ хоҳанд буд: 1) Имондорони яҳудӣ пеш ва пас аз давраи Калисо; 2) Яҳудиён ва ғайрияҳудиёни имондор дар замони ҳозира.

Дар масал оид ба ганҷ Исо Подшоҳиро ба *ганҷе* монанд мекунад, *ки дар киштзор ниҳон аст. Касе* онро меёбад ва пинҳон мекунад, ва сипас *ҳар чизи доштаашро фурӯхта, он киштзорро мехарад*.

Метавон тахмин кард, ки *касе* Худи Худованд аст. (Ӯ инчунин дар касе аз масал оид ба гандум ва мастак дар назар дошта шудааст, ояти 37). Ганҷ боқимондаи худотарси яҳудиёни имондор мебошад, ки ҳангоми хизматгузории заминии Исо буд ва пас аз боло бурдани Калисо хоҳад буд (ниг. Заб. 134,4, ки он ҷо Исроил ганҷи азизи Худо номида мешавад). Онҳо дар киштзор ниҳонанд, дар тамоми ҷаҳон пахн шудаанд, дар асл ба ҳеҷ кас, ғайр аз Худо, маълум нестанд. Исо ин ҷо ҳамчун касе тасвир шудааст, ки ин ганҷро ёфт, ва сипас ба салиб рафт ва ҳар чизи доштаашро дод, то ҷаҳонро, ки ганҷ дар он аст, харад (2Қур. 5,19; 1Юҳ. 2,2). Ҳангоме ки Раҳокунандаи Исроил аз Сион меояд ва Подшоҳии Масеҳиро барпо мекунад, Исроили бо фидя бозхаридшуда аз ҷои ниҳонӣ бароварда мешавад.

Ин масалро гоҳо ба гуноҳкоре дахлдор меҳисобанд, ки ҳама чизро тарк кард, то Масеҳро, ганҷи ҳақиқиро, ба даст оварад. Аммо ин гуна тафсир ба таълимот оид ба файз мухолиф аст, ки мувофиқи он наҷот бемузд аст (Иш. 55,1; Эфс. 2,8.9).

## З. Масал дар бораи марвориди қиматбаҳо (13,45-46)

**13,45-46** Подшоҳӣ ҳамчунин ба *савдогаре* монанд карда мешавад, *ки марворидҳои хуб меҷуст*. Ҳангоме ки вай марвориди гаронбаҳоро ёфт, ҳамаи дороияшро дод, то онро харад.

Дар суруде бо чунин матн: «Ман марвориди гаронбаҳотарине ёфтам ...», ёбанда гуноҳкор аст, ва марворид – Наҷотдиҳанда. Аммо мо инро рад мекунем, чунки гуноҳкорро ҳеҷ зарурате нест, ки ҳама чизро фурӯхта, Масеҳро харад.

Ба фикри мо савдогар Худованд Исо аст. *Марвориди гаронбаҳо* Калисо аст. Дар Ҷолҷолто Ӯ ҳама чизро фурӯхт, то ин марворидро бихарад. Чунон ки марворид дар даруни садафак ба воситаи дардҳои ҷои варамида ба вуҷуд меояд, Калисо низ ба воситаи захмҳои бадани сӯрохшудаи Наҷотдиҳанда ташаккул ёфт.

Ҷолиби диққат аст, ки дар масал оид ба ганҷ Подшоҳӣ ба худи ганҷ монанд карда мешавад. Аммо дар ин ҷо Подшоҳӣ на ба марворид, балки ба савдогар монанд карда мешавад. Фарқ дар чист?

Дар масали пешина ганҷ таъкид карда мешуд –Исроили бо фидя бозхаридшуда. Подшоҳӣ бо Исроил зич алоқаманд аст. Он аз аввал ба ин халқ пешниҳод карда мешуд, ва дар шакли ояндаи Подшоҳӣ яҳудиён раияти асосӣ хоҳанд буд.

Чунон ки зикр намудем, Калисо ва Подшоҳӣ як чиз нестанд. Ҳамаи ононе ки дар Калисо ҳастанд, дар Подшоҳӣ, дар шакли мобайнии он мебошанд, аммо на ҳамаи ононе ки дар Подшоҳӣ ҳастанд, дар Калисо мебошанд. Калисо дар шакли ояндаи Подшоҳӣ нахоҳад буд, балки ҳамроҳи Масеҳ бар замини навшуда ҳукмронӣ хоҳад кард. Дар масали дуюм Худи Подшоҳ ва он музди бузурге таъкид карда мешавад, ки Ӯ барои ба даст овардани арӯс пардохт, ки дар рӯзи Подшоҳ эълон шудани Ӯ дар ҷалоли Ӯ шарик хоҳад шуд.

Чунон ки марворид аз баҳр мебарояд, Калисо низ, ки баъзан арӯси ғайрияҳудии Масеҳ номида мешавад, аксаран аз халқҳо иборат аст. Ин факти дар он мавҷуд будани исроилиёни имондорро рад намекунад, ин ҷо танҳо зикр карда мешавад, ки тавсифи асосии Калисо он аст, ки он аз одамони аз халқҳои гуногун ба номи Исо даъватшуда иборат аст. Дар Аъмол 15,14 Яъқуб инро ҳамчун мақсади бузурги Худо дар замони ҳозира тасдиқ кард.

## И. Масал дар бораи тӯр (13,47-50)

**13,47-48** Масали хотимавии ин силсила Подшоҳиро ба *тӯре* монанд мекунад, ки *ба баҳр андохта шуд,* ва *ҳар навъ моҳӣ* ба он даромад. Моҳигирон моҳиёнро интихоб намуда, *хубҳоро дар зарфҳо ҷамъ карданд, лекин бадҳоро дур партофтанд.*

**13,49-50** Худованди мо ин масалро тавзеҳ медиҳад. Вақт – *охири ин давра,* яъне охири давраи Мусибати бузург аст. Ин вақти омадани дуюми Масеҳ аст. Моҳигирон фариштагонанд. Моҳиёни хуб росткоронанд, яъне наҷотёфтагон, ҳам аз яҳудиён ва ҳам аз халқҳо. Моҳиёни бад гуноҳкоронанд, яъне беимонон аз ҳамаи халқҳо. Ҷудокунӣ ба амал меояд, чунон ки мо дар масал оид ба гандум ва алафи бегона дидем (оятҳои 30 ва 39-43). Росткорон ба Подшоҳии Падарашон дохил мешаванд, дар ҳоле ки гуноҳкорон ба ҷое фиристода мешаванд, ки оташи фурӯзон, *гиря ва ғиҷирроси дандон аст.* Аммо ин доварии ниҳоӣ нест. Ин доварӣ *пеш* аз Подшоҳии ҳазорсола баргузор мегардад. Маҳкумкунии ниҳоӣ *пас* аз анҷоми ҳазор сол хоҳад буд (Ваҳй 20,7-15).

Габелин ин масалро чунин тафсир мекунад:

*Тӯр ба баҳр андохта мешавад, ки чунон мо пештар дидем, ифодакунандаи халқҳост. Ин масал ба мавъизаи хушхабари ҷовидонӣ дахл дорад, ки дар замони Мусибати бузург воқеъ хоҳад шуд (Ваҳй 14,6.7). Фариштагон хубонро аз бадон ҷудо хоҳанд кард. Инро на ба замони ҳозира ва на ба Калисо, балки танҳо ба арафаи барпошавии Подшоҳӣ мансуб донистан мумкин аст. Фариштаҳо истифода мешаванд, чунон ки аз китоби Ваҳй аён аст. Гуноҳкорон ба кӯраи оташ партофта мешаванд, ва росткорон барои Подшоҳии ҳазорсола дар замин мемонанд.*[28]

## Й. Ганҷи ҳақиқат (13,51-52)

**13,51** Бо масалҳо таълим доданро ба анҷом расонида, Устоди бузург аз шогирдони Худ пурсид, ки оё ҳамаашро *фаҳмидед.* Онҳо ҷавоб доданд: «Ҳа». Ин ҷавоб метавонад моро ба ҳайрат орад ё ҳатто ҳисси ҳасади моро ба онҳо бедор кунад. Эҳтимол, мо ин қадар боваринок «ҳа» гуфта наметавонем.

**13,52** Агар фаҳмида бошанд, пас бояд ба дигарон нақл кунанд. Шогирдон бояд каналҳои баракат бошанд, на анборҳои он. Акнун ин дувоздаҳ шогирд китобдонон шуданд, ки

*Подшоҳии Осмонро* омӯхтаанд, яъне муаллимон ва тафсиркунандагони ҳақиқат. Онҳо *монанди соҳиби хонае* шуданд, *ки аз ганҷинаи худ чизҳои нав ва кӯҳна берун меоварад.* Дар Аҳди Қадим онҳо ганҷинаи бойи он чизеро доштанд, ки мо ҳақиқати *кӯҳна* меномем. Ҳангоме ки Масеҳ онҳоро бо масалҳо таълим медод, онҳо он чиро ба даст оварданд, ки барояшон тамоман *нав* буд. Акнун онҳо бояд аз ин анбори азими дониш ҳақиқатҳои пурҷалолро ба дигарон расонанд.

## Й. Исоро дар Носира рад мекунанд (13,53-58)

**13,53-56** Исо ин масалҳоро ба охир расонида, соҳилҳои баҳри Ҷалилро тарк кард ва бори охир ба Носира раҳсипор шуд. Ҳангоме ки Ӯ *онҳоро дар куништҳошон таълим дод,* мардум аз хиради Ӯ ва мӯъҷизаҳояш, ки дар бораашон ба онҳо нақл карда буданд, *ҳайрон монданд.* Охир, барои онҳо Ӯ танҳо писари дуредгар буд. Онҳо медонистанд, ки *модараш Марям аст, ва бародаронаш Яъқуб, Иӯсе, Шимъун ва Яҳудо ... ва хоҳаронаш* – ҳамаи онҳо дар ҳамон ҷо, дар Носира, мезистанд! Чӣ гуна метавонист писараке ки дар шаҳри онҳо ба воя расидааст, ин хел суханҳо гӯяд ва корҳое кунад, ки аз сабаби онҳо ин қадар машҳур гаштааст? Ин онҳоро ба ҳайрат меовард, ва онҳо қарор доданд, ки беҳтараш бо нодонии худ монанд, назар ба ин ки аз ҳақиқат огоҳ шаванд.

**13,57-58** Онҳо *дар ҳаққи Ӯ ба васваса меафтоданд,* яъне онҳо аз боиси Ӯ хашмгин шуданд. Ин Исоро водор кард, то ба онҳо бигӯяд, ки *пайғамбари* ҳақиқӣ одатан дур аз зодгоҳаш қадр карда мешавад. Дар он ҷое ки Ӯ пештар мезист, ҳамсоягон ва хешовандонаш роҳ доданд, ки дигарон бо Ӯ бо нафрат муносибат кунанд. Беимонӣ ба кори Наҷотдиҳанда дар Носира хеле халал мерасонд. Ӯ дар он ҷо танҳо якчанд касро шифо дод (ниг. ба Марқ. 6,5). Ин на аз он сабаб буд, ки Ӯ *наметавонист,* чунки бадии инсон ҳеҷ гоҳ қувваи Худоро суст карда наметавонад. Аммо ин ҷо Ӯ одамонеро баракат медод, ки ин баракатро намехостанд; эҳтиёҷро дар он ҷое қонеъ мекард, ки инро дарк намекарданд; ононеро шифо медод, ки ба хашм меомаданд, агар ба онҳо гӯянд, ки беморанд.

## IX. ФАЙЗИ ХАСТАНАШАВАНДАИ МАСЕҲ БО ДУШМАНИИ АФЗОЯНДА РӮ БА РӮ МЕШАВАД (14,1–16,12)

### А. Сар задани Яҳёи Таъмиддиҳанда (14,1-12)

**14,1-2** Овозаи хизматгузории Исо ба гӯши *тетрарх Ҳиродус* (тетрарх – ҳокими чоряки кишвар) расид. Ин писари бешарафи Ҳиродуси Бузург ҳамчунин бо номи Ҳиродуси Антипас маълум буд. Ана ҳамин шахс Яҳёи Таъмиддиҳандаро ба қатл расонд. Ҳангоме ки вай дар бораи мӯъҷизаҳои Исо шунид, виҷдонаш вайро ба азоб додан сар кард. Хотираҳо дар бораи пайғамбаре ки вай қатл карда буд, дунболагирияш мекарданд. Вай ба хизматгоронаш гуфт: «Ин Яҳёи Таъмиддиҳанда аст. Вай аз мурдагон бархост. Мӯъҷизаҳои Ӯ аз ҳамин сабаб аст».

**14,3** Дар оятҳои 3-12 ба мо он чизе пешниҳод карда мешавад, ки экскурси адабӣ ба гузашта ном дорад. Матто ҳикоятро мавқуф мегузорад, то дар бораи тафсилоти марги Яҳё нақл кунад.

**14,4-5** Ҳиродус занашро тарк карда, бо *Ҳиродия, зани бародари худ Филиппус* дар муносибатҳои норавои шаҳвонӣ мезист. Яҳё, ки пайғамбари Худо буд, наметавонист вайро маҳкум накунад. Вай нотарсона ва ғазаболуд бо ангушташ ба Ҳиродус ишорат намуда, ҳаёти бадахлоқонаи вайро фош кард.

Подшоҳ чунон ба хашм омад, ки мехост вайро кушад, аммо аз ҷиҳати сиёсӣ ин кор мувофиқи мақсад набуд. Мардум Яҳёро чун *пайғамбар* эътироф мекарданд, ва, эҳтимол, аксуламали мардум ба қатли Яҳё зӯроварона мебуд. Бинобар ин подшоҳи золим мувақкатан хашми худро фурӯ нишонд, ба тавре ки Яҳёро ба зиндон партофт. «Беимонон динро, чунон ки шеронро дӯст доранд, дӯст медоранд, яъне мурда ё дар қафас: Онҳо аз дин метарсанд, вақте ки он ба озодӣ мебарояд ва виҷдонашонро ноором мекунад».[29]

**14,6-11** *Ҳангоме ки Ҳиродус зодрӯзи худро ҷашн мегирифт, духтари Ҳиродия* бо рақсаш ба Ҳиродус чунон писанд омад, ки вай аз ғояти ваҷд бефикрона ваъда дод, ки ҳар чи хоҳад, ба вай дода хоҳад шуд. Вай бо талқини модараш бешармона *сари Яҳёи Таъмиддиҳандаро ...*

*дар табақе* талаб кард. То ин дам хашми подшоҳ ба Яҳё пасттар шуда буд; эҳтимол, мардонагӣ ва софдилии пайғамбар вайро мафтун карда буд. Аммо, ҳарчанд аз ҳаёт маҳрум кардани пайғамбар барои вай таассуфовар буд, вай мефаҳмид, ки бояд ваъдаашро иҷро кунад. Фармон дода шуд, ва Яҳёро сар заданд; хоҳиши даҳшатовари раққоса қонеъ гардонда шуд.

**14,12** *Шогирдони* Яҳё маросими дафни *ҷасадро* ба таври шоиста гузарониданд, ва сипас *рафта, ба Исо хабар доданд.* Онҳо каси беҳтареро пайдо накарданд, то андӯҳ ва ғазаби худро ба вай зоҳир намоянд. Онҳо барои мо намунаи беҳтаринро боқӣ гузоштанд. Ҳангоми таъқибот, таназзули рӯҳӣ, азоб ва андӯҳ мо низ бояд рафта инро ба Исо нақл кунем.

Дар хусуси Ҳиродус бошад, агарчи амали ҷинояткорона анҷом ёфт, хотираи он боқӣ монд. Ҳангоме ки вай дар бораи Исо шунид, ҳодисаҳои гузашта чун шабаҳ баргаштанд, то вайро азоб диҳанд.

## Б. Сер кардани панҷ ҳазор (14,13-21)

**14,13-14** Ҳангоме *Исо шунид,* ки овозаи Ӯ Ҳиродусро ба ташвиш овардааст, *Ӯ ба киштӣ савор шуда, ба ҷои хилвате* дар соҳили баҳри Ҷалил рафт. Мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки Ӯ ба он ҷо на аз тарс рафт. Ӯ медонист, то дами фаро расидани соати Ӯ ҳеҷ осебе ба Ӯ нахоҳад расид. Мо сабаби асосии ҷойивазкунии Ӯро намедонем, аммо он низ сабаби аҳамиятнок аст, ки шогирдони Ӯ ба наздикӣ аз башоратдиҳӣ баргашта буданд (Марқ. 6,30; Луқ. 9,10) ва ба оромиву истироҳат эҳтиёҷ доштанд.

Аммо издиҳоми мардум аз шаҳрҳо берун омаданд ва *аз ақиби Ӯ пиёда равона шуданд.* Ҳангоме ки Ӯ ба соҳил фаромад, онҳо аллакай Ӯро интизор буданд. Азбаски ин гуна рафтор ҳеҷ боиси малоли хотири Худованди раҳмдили мо буда наметавонист, Ӯ зуд корро сар кард ва *беморони онҳоро шифо дод.*

**14,15** Чун *бегоҳ,* яъне вақти пас аз соати 3-и пас аз нисфирӯзӣ фаро расид, *шогирдони Ӯ* бӯҳронӣ будани вазъиятро эҳсос намуданд. Одамон ин қадар бисёranд, ва чизи хӯрдание надоранд! Онҳо аз Исо хоҳиш карданд, ки мардумро ба *деҳоти* атроф фиристад, то барои худ *хӯроке* харанд. Онҳо дили Масеҳро ин қадар кам мефаҳмиданд ва қувваташро ин қадар кам дарк мекарданд!

**14,16-18** Худованд онҳоро бовар кунонд, ки *даркор нест* ин корро бикунанд. Чаро онҳо бояд аз назди Касе ки дасташро барои ба ҷо овардани хоҳиши ҳар мавҷуди зинда мекушояд, раванд (Заб. 144,16)? Ӯ бо суханони зерин шогирдонро ба ҳайрат овард: *«Шумо ба онҳо хӯрок диҳед».* Онҳо дудила шуданд: «Ба онҳо хӯрок диҳем? Мо ба ғайр аз *панҷ нон ва ду моҳӣ* чизе надорем!» Онҳо фаромӯш карданд, ки Исоро низ доранд. Наҷотдиҳанда пурсаброна гуфт: *«Онҳоро ин ҷо назди ман биёред».* Ин иштироки онҳо дар кор буд.

**14,19-21** Мо ҳолатеро ба худ тасаввур карда метавонем, ки Худованд *мардумро фармуд, то бар сабза шинанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифта, ба осмон нигаристу баракат дод, ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод,* то ба мардум тақсим кунанд. Маълум шуд, ки он барои ҳама кифоят мекунад. Чун *ҳама* сер шуданд, шогирдон *дувоздаҳ сабад* пораҳои боқимондаро ҷамъ оварданд. Боқимонда аз аввала хеле бештар буд. Афзунии истеҳзоомез: барои ҳар як шогирди сустимон як сабад рост меомад. Тӯдаи иборат аз 10 ё 12 ҳазор кас сер карда шуданд (5 ҳазор мард ва боз занону кӯдакон).

Ин муъҷиза дарси рӯҳониест барои шогирдони ҳамаи наслҳо. Тӯдаи мардуми гурусна ҳамеша ҳаст. Ҳамеша гурӯҳи шогирдоне ҳаст, ки захираҳои гӯё ночиз доранд. Ва ҳамеша Наҷотдиҳандаи дилсӯз ҳаст. Вақте ки шогирдон он чизи ками худро ба Ӯ медиҳанд, Ӯ он чизи камро зиёд мекунад, то ки ҳазорон нафарро сер кунанд. Он фарқ назаррас аст, ки *панҷ ҳазор кас,* ки дар назди баҳри Ҷалил сер шуданд, гуруснагии худро танҳо ба муддати кӯтоҳ қонеъ намуданд; аммо ононе ки имрӯзҳо Масеҳи зинда онҳоро сер мекунад, ҷовидонӣ сер мешаванд (ниг. Юҳ. 6,35).

## В. Исо дар баҳр роҳ меравад (14,22-33)

Муъҷизаи пештара шогирдонро бовар кунонд, ки онҳо Онеро пайравӣ мекунанд, ки эҳтиёҷоти онҳоро рад накарда, қонеъ мегардонад. Акнун онҳо мефаҳманд, ки Ӯ ҳамчунин Онест, ки метавонад онҳоро ҳимоя кунад ва қувват диҳад.

**14,22-23** Мардумро ҷавоб дода, Исо ба шогирдонаш фармуд, ки *ба киштӣ савор шуда,* боз *ба соҳили дигар* гузаранд. Сипас Ӯ *барои дуо гуфтан* ба кӯҳ баромад. Чун *шом* фаро расид, яъне пас ас ғуруби офтоб, Ӯ *дар он ҷо танҳо буд.* (Дар ҳисоби ибрӣ ду «бегоҳӣ» буд. Яке аз онҳо, ки ояти 15 ба он ишорат мекунад, дар соати 3-и пас аз нисфирӯзӣ сар мешуд, ва дигар, ки дар ин ҷо муаллиф ишорат мекунад, ҳангоми ғуруби офтоб.)

**14,24-27** Дар ин ҳангом *киштӣ* аз соҳил дур шуда буд ва бо *боди мухолиф* мубориза мебурд. Вақте ки мавҷҳо ба киштӣ бармехӯрданд, Исо вазъияти хатарноки шогирдонро дида, *дар поси чоруми шаб* (аз соати 3 то 6-и саҳар) *бар кӯл қадам зада, назди онҳо омад.* Шогирдон *ба ҳарос афтода* фикр карданд, ки ин шабаҳ аст. Аммо ҳамон дам онҳо овози оромкунандаи Устод ва Дӯсташонро шуниданд: *«Хотирҷамъ бошед; ин Манам, натарсед».*

Инро ба таври аниқ ба ҳиссиёти шахсии мо нисбат додан мумкин аст. Аксар вақт тӯфонҳо моро ин сӯ он сӯ мепартоянд, мо дар парешонӣ ҳастем, рӯҳафтода мешавем. Чунин ба назар мерасад, ки гӯё Наҷотдиҳанда хеле дур аст. Аммо Ӯ доимо барои мо дуо мекунад. Ҳангоме ки шаб аз ҳамаи шабҳо ториктар метобад, Ӯ дар наздикии мост. Ва ҳатто он вақт ҳам мо Ӯро нашинохта, тугмачаи бонги хатарро зер мекунем. Он гоҳ мо овози оромкунандаи Ӯро мешунавем ва ба хотир меорем, ки ин мавҷҳое ки моро ба ҳарос оварданд, зери пои Ӯ мебошанд.

**14,28** Вақте ки Петрус овози шинос ва дӯстдоштаро шунид, ғайратмандӣ ва муҳаббат дар вай ҷӯш заданд. *«Худовандо! Агар ин Туӣ, ба ман фармо, то ки бар рӯи об назди Ту биёям».* Ба ҷои он ки «агар»-и гуфтаи Петрусро то дараҷаи сустимонӣ калон кунем, беҳтараш ин хоҳиши вайро ҳамчун ифодаи боварии зиёд ҳисобем. Петрус дарк мекард, ки амри Худованд имконияти он аст, ки Ӯ барои иҷрои амраш қувват медиҳад.

**14,29-33** Ҳамин ки Исо «*Биё*» гуфт, Петрус аз киштӣ баромада, ба пешвози Ӯ равона шуд. То даме ки вай аз Исо чашмашро намеканд, кори ғайриимконро ба ҷо меовард, аммо ҳамон лаҳзае ки диққаташро ба *боди шадид* равона кард, вай ба ғарқ шудан сар кард. Вай бехудона фарёд кашид: *«Хоҷаам! Маро наҷот деҳ».* Худованд вайро аз дасташ гирифт, ва барои *сустимониаш* оҳиста сарзаниш карда, ба киштӣ даровард. Ҳамин ки Исо ба киштӣ даромад, *бод сокит шуд.* Ва дар киштӣ хизматгузории парастиш ба вуқуъ пайваст, вақте ки шогирдон ба Исо гуфтанд: *«Ба ростӣ Ту Писари Худо ҳастӣ».*

Ба монанди рӯи об роҳ рафтан, ҳаёти масеҳиёна аз ҷиҳати одамӣ ғайриимкон аст. Танҳо бо қувваи Рӯҳулқудс масеҳиёна зистан мумкин аст. То даме ки мо аз чизҳои дигар сарфи назар карда, танҳо ба Исо нигоҳ мекунем (Ибр. 12,2), ҳаёти ғайритабиӣ ба сар бурда метавонем. Аммо ҳамин ки диққати мо ба худамон ё ба вазъиятамон равона мешавад, мо ба ғарқ шудан сар мекунем. Он вақт мо бояд ба Масеҳ барои ёрӣ ва дастгирии илоҳӣ муроҷиат намоем.

### Г. Исо дар Ҷинесор шифо медиҳад (14,34-36)

**14,34-36** Киштӣ дар *Ҷинесор,* дар соҳили шимолӣ-ғарбии баҳри Ҷалил ба соҳил расид. Ҳамин ки сокинон Исоро диданд, ҳамаи *бемарони* он маҳалро ҷамъ оварда, *ба назди Исо оварданд,* то ин ки беморон ақаллан *ба домани ҷомаи Ӯ даст расонанд.* Ҳар кӣ ба Ӯ даст расонд, *шифо ёфт.* Ҳамин тариқ, ин барои табибони ҳамин маҳал рӯзи истироҳат буд. Ниҳоят, як муддате беморон набуданд. Ба воситаи омадани Табиби бузург ин маҳал дорои сиҳатӣ ва шифо гардид.

### Ғ. Нопокӣ аз дарун бармеояд (15,1-20)

Аксаран пайхас кардан осон аст, ки Матто дар бобҳои аввал пайдарҳамии таърихиро риоя намекунад. Аммо аз боби 14 сар карда ва то охир ҳодисаҳо аксаран мувофиқи тартиби воқеъ шуданашон тасвир карда мешаванд.

Дар боби 15 ҳамчунин пайдарҳамии ботартиб аз рӯи даврaҳои гуногуни идоракунии Худо риоя карда мешавад. Аввалан, мунозира ва ҷанҷоли бардавоми китобдонон ва фарисиён (оятҳои 1-20) аз тарафи Исроил рад шудани Масеҳро пешакӣ намоиш медиҳад. Сониян, имони зани канъонӣ (оятҳои 21-28) баёнгари он аст, ки дар замони мо Хушхабар чӣ гуна дар байни халқҳо паҳн мешавад. Ва ниҳоят, шифо

ёфтани анбӯҳи зиёди мардум (оятҳои 29-31) ва сер кардани чор ҳазор (оятҳои 32-39) ба давраи ояндаи ҳазорсолаи сиҳатӣ ва гулгулшукуфӣ дар тамоми олам ишорат мекунад.

**15,1-2** *Китобдонон ва фарисиён* кӯшишҳояшонро барои ба даст афтондани Наҷотдиҳанда қатъ намекарданд. Аз *Уршалим* ҳайати намояндагони онҳо омада, *шогирдонро* дар нопокӣ айбдор мекарданд, зеро онҳо бо дастони ношуста хӯрок хӯрда, бо ҳамин *ривоятҳои пиронро* вайрон мекарданд.

Барои баҳо додани ин ҳодиса мо бояд зикрро оид ба покӣ ва нопокӣ фаҳмем ва донем, ки фарисиён зери мафҳуми шустушӯ маҳз чиро дар назар доштанд. Умуман нуқтаи назар оид ба пок ва нопок аз Аҳди Қадим сарчашма мегирад. Нопокӣ, ки шогирдонро дар он айбдор мекарданд, пурра маросимӣ буд. Агар, масалан, шахс ба мурда даст мерасонд ё чизеро мехӯрд, ки чун нопок маълум аст, вай расман нопок мешуд – вай наметавонист аз рӯи расму оин Худоро парастиш кунад. Пеш аз он ки вай ба Худо наздик шавад, шариати Худо талаб мекард, ки вай аз маросими покшавӣ мегузашт.

Аммо пирон ба маросимҳои покшавӣ боз урфу одатҳоро илова намуданд. Онҳо исрор менамуданд, ки шахси ибрӣ пеш аз хӯрок хӯрдан бояд дастонашро бо як маросими бочидду ҷаҳди поккунӣ тоза кунад: вай мебоист на танҳо кафи дастонаш, балки дастонашро то оринҷ мешуст. Агар вай аз бозор омада бошад, мебоист ба таври маросимӣ оббозӣ мекард. Ҳамин тариқ, фарисиён шогирдонро дар он айбдор карданд, ки онҳо ҳамаи он тартиби мураккаби шустушӯйҳоро, ки анъанаи яҳудӣ мефармуд, на ба дараҷаи даркорӣ риоя мекарданд.

**15,3-6** Худованд Исо ба танқидгарони худ хотиррасон намуд, ки *онҳо ҳукми Худовандро* вайрон мекарданд, на ин ки танҳо ривоятҳои пиронро. Шариат *эҳтиром намудани* волидони худро мефармуд, ки дар ҳолати зарурӣ ёрии молиявиро низ дар бар мегирифт. Аммо китобдонон ва фарисиён (ва бисёр касони дигар) пули худро барои таъмини волидони пиронсоли худ сарф кардан намехостанд. Барои ҳамин онҳо анъанаеро бофта баровarданд, ки бо ёрии он аз масъулият канораҷӯӣ мекарданд. Агар *падар* ё *модар* аз онҳо хоҳиши ёрӣ мекарданд, онҳо дар ҷавоб метавонистанд танҳо ин суханонро гӯянд: «Ҳамаи он пулҳое ки ман мебоист барои ёрӣ ба ту истифода мебурдам, аллакай ба *Худо* бахшида шудаанд, барои ҳамин ман онҳоро ба ту дода наметавонам». Ин суханонро ба забон оварда, онҳо аз масъулияти молиявӣ барои волидон озод мешуданд. Ба ин анъанаи ҳилагарона пайравӣ намуда, онҳо ба ин тариқ, Каломи *Худоро,* ки барои волидон ғамхорӣ карданро мефармуд, рад мекарданд.

**15,7-9** Калимаҳоро моҳирона печутоб дода, онҳо пешгӯии *Ишаъёро* иҷро мекарданд (Иш. 29,13). Онҳо шаҳодат медоданд, ки *бо забони худ* Худоро *эҳтиром мекунанд*, вале *дилашон аз Ӯ дур* буд. Худоро парастиш намудани онҳо бефоида буд, зеро онҳо ба анъанаҳои одамӣ назар ба Каломи Худо бештар аҳамият медоданд.

**15,10-11** Ба мардум муроҷиат намуда, Исо эъломияи муҳимтаринро баён кард. Вай изҳор дошт, ки *на он чи ба даҳон медарояд,* одамро нопок мекунад; балки *он чи аз даҳон мебарояд,* одамро нопок мекунад. Аз эҳтимол дур аст, ки мо хусусияти инқилобии ин изҳоротро баҳо дода тавонем. Мувофиқи қонуни левизодагон чизи ба даҳон медаромада одамро *нопок* мекард. Барои яҳудиён хӯрдани ҳама гуна ҳайвоноте ки ҷуфтсум нестанд ва нушхор намекунанд, манъ буд. Онҳо намебоист моҳиро мехӯрданд, агар он пулакча ва пар надошта бошад. Худо ба онҳо дар хусуси хӯроки пок ва нопок дастуроти муфассал дода буд.

Акнун Қонунгузор барои барҳам додани як маҷмуъ нопокиҳои маросимӣ замина тайёр мекард. Ӯ гуфт, ки хӯроке ки шогирдонаш бо дастони ношуста мехӯранд, онҳоро нопок намекунад. Вале дурӯягии китобдонон ва фарисиён нопокии ҳақиқӣ буд.

**15,12-14** Ҳангоме шогирдон Исоро хабардор карданд, ки фарисиён аз ин фошкуниҳо хашмгин шуданд, дар ҷавоб Исо онҳоро ба растаниҳое монанд кард, ки Худо онҳоро нашинондааст. Онҳо на гандум, балки алафи бегона мебошанд. Онҳо ва таълимоти онҳо комилан аз байн хоҳанд рафт. Сипас Ӯ илова намуд: *«Онҳоро ба ҳоли худашон гузоред; онҳо кӯроне ҳастанд, ки ба кӯрон раҳнамоӣ мекунанд»*. Агарчи онҳо дар бораи худ изҳор менамуданд, ки дар масъалаҳои рӯҳонӣ манбаи эътибор ҳастанд, онҳо ва пайравони онҳо дар воқеияти рӯҳонӣ *кӯр* буданд. Аён буд, ки ҳам роҳбарон ва ҳам пайравони онҳо *дар чоҳ меафтанд.*

**15,15** Бешубҳа, шогирдон аз ин табаддулоти комил дар таълимоти машҳур оид ба хӯроки пок ва нопок ба ҳайрат афтода буданд. Барои онҳо ин ҳамчун *масал* буд, яъне нақли номафҳуми нуҳуфта. Петрус ҳайрати онҳоро оид ба ин масъала ифода намуд, вақте маънидоди онро хоҳон шуд.

**15,16-17** Худованд дар аввал аз ин сустфаҳмии онҳо ҳайрон шуд, сипас фаҳмонд, ки нопокии ҳақиқӣ ахлоқӣ аст, на ин ки табиӣ. Аслан, хӯрок пок ва нопок буда наметавонад. Дар ҳақиқат ҳеҷ як чизи моддӣ *дар худ* зарарнок нест; суиистеъмоли он бад аст. Хӯроке ки одам онро мехӯрад, *ба даҳон медарояд,* барои ҳазмшавӣ *ба шикам меравад ва баъд* боқимондаҳои ҳазмнашуда *аз он хориҷ мешаванд.* Дар ин ҳол на моҳияти ахлоқӣ, балки танҳо бадан мавриди таъсир қарор мегирад. Имрӯзҳо мо медонем, ки «ҳар офаридаи Худо хуб аст ва ҳеҷ чиз набояд рад карда шавад, агар онро бо шукргузорӣ хӯранд, чунки бо каломи Худо ва бо дуо пок мегардад» (1Тим. 4,4.5). Албатта, ин порча на дар бораи растаниҳои заҳрнок, балки дар бораи чизҳое мегӯяд, ки Худо барои хӯрокии инсон офаридааст. Ҳама чиз хуб аст ва бояд бо шукргузорӣ барои хӯрдан истифода шавад. Агар одам ба ягон хел хӯрок аллергия дошта бошад ё бад бинад, набояд онро хӯрад; аммо ба таври умум мо бояд бо боварие бихӯрем, ки Худо хӯрокро барои аз ҷиҳати ҷисмонӣ нигоҳдорӣ намудани мо истифода мебарад.

**15,18** Агар хӯрок нопок намекарда бошад, пас чӣ нопок мекунад? Исо ҷавоб дод: *«... ҳар он чи аз даҳон мебарояд, аз дил пайдо мешавад; ва ин чизҳо одамро ҳаром мекунанд».* Дар ин ҷо дил на узвест, ки хунро ба бадан мефиристад, балки манбаи вайроншудаи хоҳишҳо ва маромҳои одамист. Ин қисми табиати ахлоқии инсон худро бо фикрҳои вайрон, сипас бо суханони ифлос ва дар оқибат бо корҳои бад зоҳир мекунад.

**15,19-20** Инсонро *хаёлоти бад, куштор, зино, фосиқӣ, дуздӣ, гувоҳии бардурӯғ ва куфр* (дар забони юнонӣ ин калима тӯҳмат ба дигаронро низ ифода мекунад) нопок месозад.

Китобдонон ва фарисиён махсусан дар риояи намоишкорона ва расмиятпарастонаи маросими шустани дастон кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд. Аммо ҳаёти дохилии онҳо нопок буд. Онҳо дар масъалаҳои ҷузъӣ хурдагирӣ мекарданд ва масъалаҳои ҳақиқатан муҳимро нодида мегирифтанд. Онҳо метавонистанд шогирдонро барои риоя накардани анъанаҳои аз рӯи илҳоми илоҳӣ пайдо нашуда танқид кунанд, аммо худашон машварат мекарданд, то Писари Худоро кушта, дар тамоми гуноҳҳои дар рӯйхати ояти 19 номбаршуда айбдор шаванд.

## Д. Зани бутпараст барои имони худ баракат ба даст меорад (15,21-28)

**15,21-22** *Исо ба ҳудуди Сур ва Сидун* дар соҳили баҳри Миёназамин *рафт.* Он қадар ки ба мо маълум аст, дар давраи хизматгузории ҷамъиятии Ӯ ин ягона ҳолатест, ки Ӯ берун аз ҳудуди яҳудиён буд. Ин ҷо, дар Финиқия, зани канъонӣ аз ӯ хоҳиш кард, то *духтарашро,* ки *сахт девзада* буд, шифо диҳад.

Дарк намудан хеле муҳим аст, ки ин зан яҳудӣ не, балки ғайрияҳудӣ буд. Вай аслан канъонӣ, аз мардуми бадахлоқ буд, ки Худо онро ба нобудӣ маҳкум кардааст. Ба сабаби беитоатии Исроил баъзеи онҳо ҳангоми бо роҳбарии Еҳушаъ ибни Нун ба Канъон ворид шудани исроилиён зинда монданд, ва ин зан аз авлоди ҳамон зиндамондагон буд. Азбаски вай бутпараст буд, аз имтиёзҳое ки Худо ба халқи интихобкардааш додааст, бархурдор набуд. Вай аҷнабие буд, ки умеде надошт. Аз рӯи ин ҳолати худ вай ҳақ надошт, ки аз Худо ё аз Масеҳ чизе хоҳиш кунад.

Бо Исо сӯҳбат карда, вай ба ӯ чун ба *Хоҷаам, писари Довуд* муроҷиат мекард. Ин унвоне буд, ки яҳудиён ҳангоми дар бораи Масеҳ сухан рондан истифода мебурданд. Агарчи Исо ҳақиқатан *писари Довуд* буд, бутпарастон ҳақ надоштанд, ки дар асоси ин ба Ӯ муроҷиат кунанд. Барои ҳамин ҳам дар аввал Ӯ ба зан ҷавоб надод.

**15,23** *Шогирдонаш назди Ӯ омада илтимос карданд: «Вайро ҷавоб деҳ»,* зеро вай халал мерасонд. Барои Ӯ ин зан намунаи хуби бовар ва зарфе буд, ки дар он имон ҷило хоҳад дод. Аммо аввал ӯ бояд имони вайро санҷад ва тарбият кунад.

**15,24-25** Ӯ ба зан хотиррасон намуд, ки Ӯ фақат *барои гӯсфандони гумшудаи Исроил* равона шудааст, на ин ки ба бутпарастон, хусусан канъониён. Аммо ин гуна радкунии рӯйрост занро натарсонд. Унвони «Писари

Довуд»-ро ихтисор карда, зан ба Ӯ таъзим карда, гуфт: «*Хоҷаам! Ба ман ёрӣ деҳ*». Агарчи вай ҳуқуқе надошт, ки ба Ӯ чун зани яҳудӣ ба Масеҳи худ муроҷиат кунад, аммо вай метавонист чун офарида ба Офаридгори Худ наздик ояд.

**15,26** Барои боз ҳам хубтар санҷидани имони вай Исо гуфт, ки хӯроки бачагони исроилиро *гирифтан хуб нест,* то ба *сагони* бутпараст нон дода шавад. Агар ин барои мо дағалона садо диҳад, пас мо бояд дар хотир дошта бошем, ки мақсади ин суханон – на дард расонидан ба зан, балки, чун корди ҷарроҳ, ба вай шифо додан аст. Ҳа, вай бутпараст буд. Яҳудиён ба бутпарастон чун ба сагони ифлоси бесоҳиб менигаристанд, ки дар ҷустуҷӯи хӯрок дар кӯчаҳо мегарданд. Аммо Исо ин ҷо калимаеро истифода бурд, ки маънои сагбачаҳои хурдакаки дӯстдоштаро дорад. Савол чунин буд: Оё зан дарк мекунад, ки лоиқи он нест, то камтарини эҳсонҳои Ӯро ба даст орад?

**15,27** Ҷавоби зан олиҷаноб буд. Вай бо тавсифоти додаи Исо пурра розӣ шуд. Агарчи вай мақоми бутпарасти ношоистаро дошт, худро ба марҳамат, муҳаббат ва файзи Ӯ супурд. Дар охир вай гуфт: «Ту ҳақ ҳастӣ! Ман ҳамагӣ яке аз *сагҳои* пеши миз мебошам. Аммо ман пайхас мекунам, ки баъзан *нонрезаҳо* аз *миз* ба фарш меафтанд. Иҷозат деҳ, ки ман каме аз нонрезаҳоро чинам. Ман лоиқи он нестам, ки Ту духтари маро шифо диҳӣ, аммо аз Ту илтиҷо мекунам, ки ин корро ба хотири яке аз офаридаҳои нолоиқат бикун».

**15,28** Исо вайро *барои имони бузургаш* таҳсин гуфт. Ҳар ҳоле ки кӯдакони нобовар ба нон муҳтоҷ набуданд, ин ҷо касе буд, ки худро «сагча» меҳисобид ва ашкрезон аз Ӯ илтимос мекард. Имони вай сазовори мукофот гардид, духтари вай ҳамон дам *шифо ёфт*. Он ҳақиқате ки Худованд ба духтари ғайрияҳудӣ аз масофаи дур шифо дод, моро ба фикре меорад, ки ҳозир хизматгузории Ӯ дар ямини Худо бахшидани шифои рӯҳонӣ ба халқҳо дар ин давра аст, дар ҳоле ки халқи қадимии Ӯ сарфи назар шудааст.

### Е. Исо мардуми зиёдеро шифо медиҳад (15,29-31)

**15,29-31** Дар Марқус 7,31 мо мехонем, ки Худованд Сурро тарк кард ва ба шимол ба сӯи Сидун равона шуд, сипас ба шарқ рафта аз Урдун гузашт ва ба воситаи ҳудуди Декапӯлис ба ҷануб раҳсипор шуд. Он ҷо, дар назди баҳри Ҷалил, Ӯ *гунгон, маъюбон, лангон, кӯрон ва бисёр дигаронро шифо дод.* Мардум ба ҳайрат афтоданд ва ба *Худои Исроил* ҳамду сано гуфтанд. Боварии қатъӣ ҳаст, ки ин дар байни халқҳои ҳамсояи ғайрияҳудӣ буд. Одамон Исо ва шогирдонашро бо Исроил айният дода, хулосаи дуруст баровsecurityанд, ки дар байни онҳо Худи *Худои Исроил* кор мекард.

### Ё. Сер кардани чор ҳазор (15,32-39)

**15,32** Хонандагоне ки бедиққатанд ё ба Навиштаҳо назари танқидӣ доранд, ин воқеаро бо сер кардани панҷ ҳазор омехта карда, Навиштаи Муқаддасро дар нусхабардорӣ, ихтилофот ва ҳисоби нодуруст айбдор мекарданд. Гап дар он аст, ки инҳо ду ҳодисаи гуногун мебошанд, ва, аниқтараш, ҳамдигарро пурра мекунанд, на ин ки хилофи ҳамдигаранд.

Баъди се рӯзе ки *мардум* бо Худованд буданд, хӯроквории онҳо тамом шуд. Ӯ наметавонист онҳоро гурусна ба хонаҳояшон фиристад. Онҳо дар роҳ *бемадор* шуда метавонистанд.

**15,33-34** Шогирдони Ӯ боз бо мушкилии ҳалнашаванда рӯ ба рӯ шуданд – ин қадар мардуми зиёдро сер кардан. Ин дафъа онҳо танҳо ҳафт нон *ва андак моҳии майда* доштанд.

**15,35-36** Чун дар мавриди панҷ ҳазор, Исо мардумро шинонд, ва *шукр гуфта, нон ва моҳиёнро пора кард* ва *ба шогирдони Худ дод,* то ки тақсим кунанд. Ӯ интизор мешавад, то шогирдон кори метавонистаашонро кунанд, сипас мудохила мекунад ва он кореро мекунад, ки онҳо наметавонанд.

**15,37-39** Ҳангоме ки *мардум* сер шуданд, *ҳафт сабади калон* аз ғизои боқимонда ҷамъ карданд. Миқдори хӯрандагон, *ба ғайр аз занону кӯдакон, чор ҳазор мард* буд.

Дар боби оянда мо мебинем, ки маълумоти оморӣ оид ба ин ду мӯъҷизаи сер кардани мардум (16,8-12) муҳим аст. Ҳар як ҷузъи ҳикояти Навиштаи Муқаддас дорои мазмун аст. Мардумро ба хонаҳояшон равона карда, Худованди мо *ба киштӣ савор шуд ва ба Маҷдал,* ки дар соҳили ғарбии баҳри Ҷалил воқеъ буд, рафт.

## Ж. Хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён (16,1-12)

**16,1** *Фарисиён ва саддуқиён,* мухолифони анъанавӣ дар масъалаҳои илоҳиёт, ифодагарони ду ифроти таълимотӣ буданд. Аммо вақте ки онҳоро мақсади умумии ғофилгир кардани Наҷотдиҳанда муттаҳид кард, муносибати душманонаи онҳо ба ҳамкорӣ табдил ёфт. Барои озмудани Исо *онҳо* аз Ӯ *хоҳиш карданд,* ки ба онҳо *аломати осмонӣ нишон диҳад.* Бо кадом як роҳи ба мо номаълум онҳо мехостанд Ӯро ба созиш бо онҳо маҷбур кунанд. *Аломати осмониро* талаб карда, эҳтимол онҳо фикр мекарданд, ки сарчашмаи аломоти Ӯ аз сарчашмаҳои пештара фарқ хоҳад кард. Ё, эҳтимол, онҳо ягон аломати фавқуттабииро дар осмон мехостанд. Ҳамаи муъҷизоти Исо дар замин ба амал меомаданд. Оё Ӯ дар осмон аломате нишон дода метавонист?

**16,2-3** Ӯ мавзӯи *осмонро* давом дода, ба онҳо ҷавоб дод. Агар онҳо бегоҳӣ осмони сурхро бинанд, пас барои рӯзи дигар *ҳавои софро* пешгӯӣ мекарданд. Онҳо инчунин медонистанд, ки агар *пагоҳӣ осмон сурх ва гирифта бошад,* рӯзона ҳаво бад мешавад.[30] Онҳо дар шарҳ додани қиёфаи осмон мутахассис буданд, *аммо аломатҳои замонҳоро* шарҳ дода наметавонистанд.

Ин чӣ аломатҳо буданд? Пайғамбаре ки омадани Масеҳро пешгӯӣ кард, дар шахси Яҳёи Таъмиддиҳанда зоҳир шуд. Муъҷизаҳое ки дар бораи Масеҳ пешгӯӣ шуда буданд, – корҳое ки ҳеҷ гоҳ ягон одам накарда буд, – дар ҳузури онҳо нишон дода шуданд. Дигар аломати замонҳо он буд, ки яҳудиён Масеҳро рад карданд ва Хушхабар ба ғайрияҳудиён гузашт – ба хотири иҷрошавии пешгӯиҳо. Аммо ба ҳар ҳол, бо вуҷуди далелҳои возеҳ, онҳо дарк намекарданд, ки таърих бунёд шуда истодааст ва ё пешгӯӣ иҷро шуда истодааст.

**16,4** Фарисиён ва саддуқиён худро чун *насли бад ва зинокор* нишон доданд, зеро аломатҳоро меҷустанд, дар ҳоле ки Худи Ӯ дар байни онҳо истода буд. Акнун ба онҳо аломате *ғайр аз аломати Юнуси пайғамбар дода намешавад.* Чуноне ки дар шарҳ ба 12,40 фаҳмонда мешавад, ин дар рӯзи сеюм зинда шудани Масеҳ мебошад. *Насли бад ва зинокор* Масеҳи худро ба салиб мекашад, аммо Худо Ӯро аз мурдагон зинда хоҳад кард. Ин аломати ҳалокати ҳамаи онҳое хоҳад буд, ки ба Ӯ ҳамчун ба Ҳокими комилҳуқуқ саҷда кардан нахостанд.

Ин порча бо суханони ҳавлнок ба охир мерасад: *«Ва онҳоро тарк карда, равона шуд».* Маънои рӯҳонии ин гуфтаҳо бояд ба ҳар кас фаҳмо бошад.

**16,5-6** Ҳангоме ки *шогирдон* дар *соҳили* шарқии кӯл ба Худованд ҳамроҳ шуданд, онҳо бо худ *гирифтани* хӯрокворииро *фаромӯш* карданд. Барои ҳамин, вақте Исо ба онҳо муроҷиат кард, ки *аз хамиртуруши фарисӣ ва саддуқӣ* эҳтиёт шаванд, онҳо гумон карданд Ӯ мегӯяд, ки «Ба назди ин роҳбарони яҳудӣ барои хӯрокворӣ наравед!» Андеша оид ба ғизо онҳоро водор мекард, то дар дарси рӯҳоние ки Исо ба онҳо таълим доданӣ буд, маънои таҳтуллафзӣ ва табиӣ ҷӯянд.

**16,7-10** Онҳо ҳанӯз ҳам барои нарасидани хӯрок безобита буданд, агарчи ҳамроҳи онҳо Оне буд, ки ба панҷ ҳазор ва ба чор ҳазор мард хӯрок дода буд. Ӯ ба онҳо ду серкунии муъҷизанокро боз як бор хотиррасон кард. Дарсе ки аз ин бармеомад, ба арифметикаи илоҳӣ ва уҳдабароии илоҳӣ дахл дошт, зеро *ҳар қадаре ки Исо камтар дошт, ҳамон қадар бештар одамонро сер мекард, ва ҳамон қадар бештар хӯрок боқӣ мемонд.* Ҳангоме ки танҳо панҷ нон ва ду моҳӣ буд, Ӯ панҷ ҳазорро сер кард, ва 12 сабад хӯрок боқӣ монд. Вақте нон ва моҳии бештаре буд, Ӯ танҳо чор ҳазорро сер кард, ва танҳо ҳафт сабад нон боқӣ монд. Агар мо воситаҳои маҳдуди худро ба истифодаи Ӯ диҳем, Ӯ метавонад онҳоро бо таносуби баръакси миқдори гузоштаамон диҳад. «Кам маънои зиёдро дорад, агар дар он Худо бошад».

Ин ҷо назар ба мавриди сер кардани панҷ ҳазор,[31] калимаи дигаре барои тасвири *сабадҳо* истифода шудааст. Метавон тахмин кард, ки дар ин маврид ҳафт сабад аз дувоздаҳ сабади мавриди пештара калонтар буданд. Аммо асли маънои дарс тағйир намеёбад: Дар бораи гуруснагӣ ва мухтоҷӣ ғам хӯрдан чӣ ҳоҷат, ҳангоме ки мо бо Оне мушоракат дорем, ки қувват ва захираҳои беандоза дорад?

**16,11-12** Дар бораи *хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён* сухан ронда, Худованд на нонро, балки таълимот ва рафтори бадро дар назар дошт. Дар Луқо 12,1 хамиртуруши фарисиён ҳамчун дурӯягӣ маънидод карда шудааст. Агарчи онҳо мегӯянд, ки ҷузъиёти

хурдтарини Каломи Худоро риоя мекунанд, ба ҳар ҳол итоаткории онҳо намоишкорона ва рӯякӣ буд. Онҳо ботинан бад ва вайроншуда буданд.

Хамиртуруши *саддуқиён* – оқилтарошӣ аст. Озодфикрони замони худ буда, онҳо, ба монанди либералҳои имрӯза, як системаи шубҳаҳо ва радкуниҳоро сохта буданд. Онҳо мавҷудияти фариштаҳо ва рӯҳҳо, растохези бадан, намирандагии ҷон ва ҷазои абадиро инкор мекарданд. Ин хамиртуруши шаккокӣ, агар ба он бо таҳаммул муносибат намоем, паҳн шуда, чун хамиртуруш ба орд ҷаббида мешавад.

## X. ПОДШОҲ ШОГИРДОНИ ХУДРО ТАЙЁР МЕКУНАД (16,13–17,27)

### A. Эътирофи бузурги Петрус (16,13-20)

**16,13-14** *Қайсарияи Филиппус* дар масофаи тақрибан 40 километр ба тарафи шимолии баҳри Ҷалил ва ҳашт километр ба тарафи шарқии Урдун воқеъ буд. Ҳангоме ки Исо ба деҳоти атрофи он омад (Марқ. 8,27), ҳодисае ба амал омад, ки одатан чун авҷи хизмати муаллимии Ӯ ҳисобида мешавад. То ин дам Ӯ шогирдонашро ба сӯи фаҳмиши ҳақиқии Шахсияти Худ мебурд. Бо муваффақият ба ин ноил шуда, Ӯ акнун бо қатъият рӯи Худро ба сӯи салиб мегардонад.

Ӯ аз он сар кард, ки аз *шогирдони Худ* пурсид, ки мардум Ӯро кӣ мегӯянд. Як қатор вариантҳо номбар карда шуданд – аз *Яҳёи Таъмиддиҳанда* сар карда то *Илёс, Ирмиё ё яке аз пайғамбарон.* Барои одами муқаррарӣ Ӯ яке дар миёни бисёриҳо буд. Хуб, вале Беҳтарин не. Бузург, вале Бузургтарин не. Пайғамбаре, вале на *ҳамон* Пайғамбар. Ин гуна нуқтаи назар тамоман кифоя нест. Он Ӯро барои ситоиши махсус нолоиқ меҳисобид. Агар Ӯ танҳо одами дигаре мебуд, пас Ӯ фиребгар буд, зеро даъвои бо Худо баробар будан мекард.

**16,15-16** Бинобар ин Исо аз шогирдон пурсид, ки онҳо Ӯро *кӣ мегӯянд*. Ин савол *Шимъуни Петрусро* ба эътирофи таърихӣ овард: *«Ту Масеҳ, Писари Худои зинда ҳастӣ»*. Дигар хел карда гӯем, Исо Масеҳи Исроил ва Писари Худост.

**16,17-18** Худованди мо *Шимъун* писари *Юнусро* баракат дод. Ин моҳигир ба ин хулоса оид ба Исо бо ақл ва ё хиради табиии худ наомадааст. Инро ба вай Худо *Падар* ба таври фавқуттабиӣ *ошкор кард*. Аммо Писар низ мехост ба вай як чизи муҳиме гӯяд. Бинобар ин Ӯ илова кард: *«Ва Ман ба ту мегӯям: ту Петрус ҳастӣ, ва бар ин харсанг Ман ҷамоати Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дунёи мурдагон бар он ғолиб намешаванд»*. Мо ҳама медонем, ки дар атрофи ин оят назар ба ҳамаи оятҳои дигари Инҷилҳо бештар баҳсу мунозираҳо мераванд. Савол чунин аст: «Харсанг кӣ ё чист?» Як қисми мушкилӣ аз он бармеояд, ки ба юнонӣ номи «Петрус» ва «санг» қариб як хел садо медиҳанд, вале маъноҳои гуногун доранд. Якум, *petros* маънои «санг» ё «гӯшаи ноустувори сахра»-ро дорад; дуюм, *petra* маънои «сахра, кӯҳпораи мустаҳкам»-ро дорад. Бинобар ин дар асл Исо гуфт: *«Ту Петрус (санг) ҳастӣ, ва бар ин харсанг Ман Ҷамоати Худро бино мекунам»*. Ӯ нагуфт, ки Калисои Худро бар ин санг месозад, балки бар сахра.

Агар Петрус санг набошад, пас вай кист? Агар мо ба алоқамандии матн пайравӣ кунем, он гоҳ ҷавоб чунин аст: санг – эътирофи Петрус дар бораи он аст, ки Масеҳ Писари Худои зинда аст, – ҳақиқате ки Ҷамоат бар он бунёд ёфтааст. Эфесусиён 2,20 таълим медиҳад, ки Ҷамоат бар Исои Масеҳ – Санги асосӣ, Санги зовия – бино мегардад. Гуфтаҳо дар ин ҷои Навиштаҳо дар бораи он ки мо бар асоси расулон ва анбиё устувор карда шудаем, на ба онҳо, балки ба асосе дахл дорад, ки дар таълимоти онҳо оид ба Худованд Исо гузошта шудааст.

Дар бораи Масеҳ, ҳамчун «сахра», дар 1Қуринтиён 10,4 гуфта мешавад. Дар ин муносибат Морган хотиррасонкунии муфидеро меорад:

> *Дар хотир нигоҳ доред, ки Ӯ ба яҳудиён сухан меронд. Агар мо истифодаи калимаи «харсанг»-ро дар Навиштаҳои яҳудиён мушоҳида кунем, дармеёбем, ки он ҳеҷ гоҳ ифодакунандаи одам набуд, балки танҳо Худоро ифода мекард. Дар ин ҷо низ, дар Қайсарияи Филиппус, Ҷамоат на бар Петрус сохта мешавад. Исо бо тимсолҳои сухан ҳазл намекард. Ӯ тимсоли қадимии яҳудиро гирифт – харсангро, ки ҳамеша рамзи илоҳиятест, ва ишора кард: «Ман Ҷамоати Худро бар Худи Худо, дар Масеҳ, Писари Худои зинда, бино мекунам».*[32]

Петрус ҳеҷ гоҳ дар бораи худ ҳамчун пойдевори Ҷамоат сухан намеронд. Ӯ ду бор

ба Масеҳ ҳамчун ба Санг ишора мекунад (Аъм. 4,11.12; 1Пет. 2,4-8), аммо ин ҷо тимсол дигар аст: санги сари гӯшаи бино аст, на пойдевор.

*«Ман Ҷамоати Худро бино мекунам».* Ин ҷо дар Навиштаи Муқаддас бори аввал Калисо, яъне Ҷамоати имондорон зикр карда мешавад. Он дар Аҳди Қадим вуҷуд надошт. Ҷамоате ки ҳангоми сухангӯии Масеҳ ҳанӯз кори оянда буд, дар рӯзи Пантикост ташкил ёфт ва аз ҳамаи масеҳиёни ҳақиқие иборат аст, ки ба Масеҳ имон доранд – ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиён. Ҷамъияти ҷудокардае, ки ҳамчун бадан ва арӯси Масеҳ маълум аст, вазифа ва тақдири осмонии бемисл дорад.

Мо интизори он набудем, ки Ҷамоат дар Инҷили Матто, ки дар он мавзуъҳои асосӣ Исроил ва Подшоҳӣ мебошанд, муаррифӣ карда мешавад. Аммо дар натиҷаи рад кардани Масеҳ давраи мобайнӣ, – давраи Ҷамоат – фаро мерасид, ки то боло бурда шудани Ҷамоат давом хоҳад кард. Сипас Худо муносибатҳои Худро бо халқи Исроил ҳамчун бо миллат барқарор мекунад. Барои ҳамин дар ин ҷо пурра бамаврид аст, ки чун исроилиён Худоро рад карданд, Ӯ Ҷамоатро ҳамчун қадами дигар дар барномаи давраҳои Худ пешниҳод мекунад.

*«Дарвозаҳои дунёи мурдагон бар он ғолиб намешаванд»*-ро ду хел фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, *дарвозаҳои дунёи мурдагон* дар ҳамлаҳои бебарор бар зидди Ҷамоат тасвир ёфтаast – Ҷамоат ба ҳамаи ҳуҷумҳоеро, ки бар зидди Ӯ равона шудаанд, тоб меоварад. Ё ин ки Ҷамоат метавонад худаш ҳамчун ба ҳуҷум гузаранда ва ғолиб мебаромада тасвир карда шавад. Дар ҳар сурат қувваҳои марг ба воситаи боло бурда шудани имондорони зинда ва растохези онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, мағлуб карда мешаванд.

**16,19** *«Ва калидҳои Подшоҳии Осмонро ба ту месупорам»* маънои онро надорад, ки ба Петрус ҳуқуқи ба осмон роҳ додани одамон дода шудааст. Ин ҷо дар бораи Подшоҳии Осмон *дар замин* сухан меравад – соҳае ки фарогирандаи ҳамаи онҳоест, ки изҳори садоқат ба Масеҳ мекунанд, ҳамаи онҳое ки худро масеҳӣ меҳисобанд. Калидҳо дар бораи иҷозат ё даромадан мегӯянд. Калидҳо, чунон ки аз Супориши Бузург (Мат. 28,19) аён мешавад, шогирд сохтан, таъмид додан ва омӯзондан мебошанд. (Таъмид шарти ҳатмии наҷот нест, ин маросими хабардоркунӣ аст, ки одамон ба воситаи он ба Подшоҳ содиқ будани худро дар назди омма эълон мекунанд.) Петрус бори аввал дар рӯзи Пантикост калидҳоро истифода бурд. Калидҳо танҳо ба вай не, балки ба вай ҳамчун ба намояндаи ҳамаи шогирдон дода шуда буданд (ниг. Мат. 18,18, ки дар он ба ҳамаи онҳо ҳамин гуна ваъда дода шудааст).

*«... ва он чи ту бар замин бандӣ, дар осмон баста мешавад, ва он чи бар замин кушоӣ, дар осмон кушода мешавад».* Ин порча ва порчаи ба ин ҳаммаъноро дар Юҳанно 20,23 баъзан барои таълими он истифода мебаранд, ки гӯё ба Петрус ва ноибони эҳтимолии вай қудрати бахшидани гуноҳҳо дода шудааст. Мо медонем, ки ин номумкин аст, танҳо Худо гуноҳҳоро бахшида метавонад.

Ду роҳи фаҳмидани ин оят ҳаст. Аввалан, метавон чунин ҳисобид, ки расулон қудрати бастан ва кушоданро доштанд, ки мо имрӯзҳо инро надорем. Масалан Петрус Ҳанониё ва Сафирароро бо гуноҳҳояшон чунон баст, ки онҳо бо марги фаврӣ ҷазо дода шуданд (Аъм. 5,1-10), дар ҳоле ки Павлус дар Қуринтус шахси ҷазодидаро аз натиҷаҳои гуноҳаш озод кард, зеро ин шахс тавба кард (2Қур. 2,10).

Ё ки ин оят метавонад маънои онро дошта бошад, ки ҳар он чи расулон дар замин банданд ё кушоянд, бояд дар осмон аллакай баста ё кушода бошад. Ҳамин тавр, Райрӣ мегӯяд: «На расулон, балки осмон ташаббускори ҳамаи бастан ва кушоданҳост, дар ҳоле ки расулон инро фақат эълон мекунанд».[33]

Ягона имконият барои дар вобастагӣ ба замони ҳозира маънидод кардани ин оят – маънои эълонкунандаи он мебошад. Ҳангоме ки гуноҳкор аз гуноҳҳои худ тавба мекунад ва Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул менамояд, масеҳӣ метавонад *эълон намояд,* ки гуноҳҳои ин шахс бахшида шудаанд. Ҳангоме ки гуноҳкор Наҷотдиҳандаро рад мекунад, ходими масеҳӣ метавонад *эълон намояд,* ки гуноҳҳои вай дар худаш мемонанд. Вилям Келлӣ менависад: «Ҳар боре ки Ҷамоат бо номи Худованд амал мекунад ва ҳақиқатан хости Ӯро ба амал меорад, муҳри Худо бар корҳои он ҳаст».

**16,20** Боз ҳам мо мехонем, ки Худованд Исо ба *шогирдони Худ* амр медиҳад, ки *ба ҳеҷ кас нагӯянд, ки Ӯ Масеҳ аст.* Зеро, агар ин

маълум шавад, ба сабаби нобоварии Исроил ҳеҷ хубие нахоҳад буд. Шубҳае нест, ки ҳаракати халқӣ барои ба тахт нишондани Ӯ зарар хоҳад овард, чунки чунин равиши нобаҳангоми воқеаҳо метавонад аз тарафи румиён бераҳмона пахш карда шавад.

Стюарт, ки ин марҳилаи хизматгузории Масеҳро нуқтаи гардиш меномад, чунин менависад:

*Ин рӯз дар Қайсарияи Филиппус мавқеи ҷудошавии Инҷилҳоро ишорат мекунад. Аз ин лаҳза сар карда ҷӯйчаҳо ба тарафи дигар ҷорӣ шуда сар мекунанд. Мавҷи шуҳратмандие ки дар рӯзҳои аввали хизмати Исо гӯё Ӯро ба сӯи тахт мебурд, дар қафо монд. Акнун ҷараён Ӯро ба сӯи салиб мебарад ... Дар Қайсария Исо гӯё дар ҳудуди ҷудокунада меистод. Ин монанди он буд, ки аз баландии теппа Ӯ Худро, ҳамаи роҳҳои гузаштаи Худро дар қафо медида бошад, ва дар пеш – роҳи торик ва даҳшатнокеро, ки интизори Ӯст. Ӯ ба ақиб назар андохт, ки он ҷо ҳанӯз шуълаҳои рӯзҳои хуш милтмилт мекарданд, ва сипас баргашта ба пеш, ба сӯи сояҳо равон шуд. Акнун самти ҳаракати Ӯ ба Ҷолҷолто буд.*[34]

### Б. Тайёр намудани шогирдон ба марг ва растохези Исо (16,21-23)

**16,21** Акнун, вақте шогирдон фаҳмиданд, ки Исо Масеҳ, Писари Худои зинда аст, онҳо тайёр буданд, ки пешгӯии аввалини рӯйростро дар бораи марг ва растохези Ӯро шунаванд. Акнун онҳо медонистанд, ки кори Ӯ ҳеҷ гоҳ зарар намебинад, ва онҳо дар ҷониби ғолиб ҳастанд ва дар ҳама сурат ғалаба таъмин гаштааст. Бинобар ин Худованд хабарҳоро ба дилҳои тайёршуда расонд. *Ӯ бояд ба Уршалим равад ва* бояд *аз дасти* роҳбарони динӣ *бисёр азоб кашад, ва кушта шавад, ва* бояд *пас аз се рӯз бархезад*. Хабарҳо барои он кифоя буданд, ки боиси ҳалокати ҳама гуна ҳаракат гардад, ба ғайр аз як чиз: *бояд ... пас аз се рӯз бархезад*. Фарқ маҳз дар ҳамин буд!

**16,22** Петрус аз фикри он ки бо Устоди вай ин гуна рафтор хоҳанд кард, хеле ошуфта шуд. Ӯро ба як сӯ чеғ зада, мисли он ки садди роҳи Ӯ мешуда бошад, вай эътироз намуд: «*Худо накунад, эй Хоҷа! Ин ба Ту ҳаргиз рӯй надиҳад!*»

**16,23** Рафтори вай боиси таънаи Худованд гардид. Ӯ ба ин ҷаҳон омад, то ки барои гуноҳкорон бимирад. Чизе ё касе ки барои ба ин мақсад расидан ба ӯ халал мерасонад, бо хости Худо мухолиф мебуд. Барои ҳамин Ӯ ба Петрус гуфт: «*Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на оид ба чизҳои илоҳӣ, балки оид ба чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ*». Петрусро *шайтон* номида, Исо онро дар назар надошт, ки расул девзада аст ё зери итоати шайтон аст. Ӯ чунин меҳисобид, ки Петрус ҳамон гуна рафтор менамуд ва сухан мегуфт, ки шайтон (ки маънои номаш душман аст) интизор аст. Бар зидди Ҷолҷолто эътироз намуда, Петрус барои Наҷотдиҳанда монеа гардид.

Ҳар як масеҳӣ вазифадор аст, ки салиби худро гирифта, аз пайи Худованд Исо равад, аммо ҳангоме ки дар дуродур дар пайраҳа суроби салиб падидор мегардад, садои дохилӣ мегӯяд: «Ба худ раҳмдил бош! Худро эҳтиёт кун». Ё, имкон дорад, ки овозҳои дӯстдоштагонамон моро аз пайраҳаи итоаткорӣ берун карданӣ мешаванд. Дар ин вақт мо бояд бигӯем: «Аз ман дур шав, шайтон! Ту ба ман халал мерасонӣ».

### В. Тайёрӣ ба шогирдии ҳақиқӣ (16,24-28)

**16,24** Акнун Худованд Исо он чиро, ки барои шогирди Ӯ шудан даркор аст, возеҳу равшан баён мекунад: инкор кардани худ, бардоштани салиб ва Ӯро пайравӣ намудан. *Инкор кардани худ* бо рад кардани худ як нест; ин худро ба иродаи Ӯ то дараҷае тобеъ намудан аст, ки «ман» ҳеҷ гуна ҳуқуқ надошта бошад. *Салибро бардоштан* – ҳозир будан ба қабул намудани шармандагӣ, азобҳо ва, шояд марги пуразоб барои Ӯ, ва инчунин барои гуноҳ, барои худ ва барои ҷаҳон мурдан аст. *Пайравӣ намудан* – монанди Ӯ дар фурӯтанӣ, бечорагӣ, ҳамдардӣ, муҳаббат, раҳмдилӣ ва ҳар гуна хислатҳои некӯкорона зистан аст.

**16,25** Худованд дар шогирдӣ ду монеаро мебинад. Якум – васвасаи табиии *раҳонидани* худ аз нороҳатиҳо, дард, танҳоӣ ва аз даст доданҳо. Васвасаи дуюм – сарватманд шудан. Он чи ба васвасаи аввал дахл дорад, Исо огоҳ намуд, ки ҳамаи ононе ки ба ҳаёти худ часпида, мақсадҳои худхоҳона доранд, ҳеҷ гоҳ аз

зиндагӣ қаноатманд намешаванд. Аммо ононе ки бе шакку шубҳа, сарфи назар аз талафот, баҳри Ӯ аз ҳаёти худ даст мекашанд, маънои мавҷудияти худро дармеёбанд.

**16,26** Васвасаи дуюм – сарватманд шудан – оқилона нест. «Ба худ тасаввур кунед, – гуфт Исо, – ки *одам* ба дараҷае дар соҳибкорӣ муваффақ шуд, ки *тамоми дунёро* ба даст овард. Ин азми беақлона он қадар вақт ва қувваро фурӯ мебарад, ки вай мақсади асосии зиндагиро гум мекунад. Чӣ фоида дорад, агар вай ҳамаи ин пулҳоро ба даст орад, сипас бимирад ва ҳеҷ чизро бо худ набарад, ва ҷовидониро бе ҳеҷ чиз гузаронад?» Одам дар ин ҷаҳон аз гирд овардани пул дида барои кори бузургтаре вуҷуд дорад. Ӯ вазифадор аст ифодагари манфиатҳои Подшоҳи худ бошад. Агар вай ин мақсадро аз даст диҳад, ҳама чизро аз даст медиҳад.

Дар ояти 24 Исо ба шогирдон дар бораи чизи бадтарин гуфт. Чунин аст тавсифи масеҳият: Ту чизи бадтаринро бояд аз худи аввал донӣ. Аммо Ту ҳеҷ гоҳ барои худ кашф намудани ганҷҳо ва баракатҳоро бас нахоҳӣ кард. Барнҳауз дар ин бора хуб гуфтааст:

*Вақте ки инсон тамоми чизҳои ноҷолиби дар Навиштаҳо зикршударо дид, ягон чизи ниҳоние ки ӯро ҳайрон мекарда бошад, боқӣ намемонад. Ҳар чизи наве ки мо замоне дар ин ҳаёт ё дар ҳаёти оянда мефаҳмем, ба мо ҳаловат хоҳад дод.*[35]

**16,27** Акнун Худованд дар бораи *ҷалоли* Худ низ, ки пас аз ранҷу азобҳо хоҳад омад, хотиррасон менамояд. Ӯ ба омадани дуюми Худ ишора мекунад, вақте Ӯ ба замин *бо фариштаҳои Худ* дар *ҷалоли* фавқуттабиии *Падари Худ* бармегардад. *Он вақт* Масеҳ ба ҳамаи онҳое ки барои Ӯ мезистанд, *мукофот медиҳад*. Роҳи ягона ба сӯи ҳаёти бомуваффақият – худро ба он замони пурҷалол мутамарказ намудан, муайян кардани он ки чӣ чиз он вақт муҳим хоҳад буд, сипас бо тамоми ҷидду ҷаҳд ба сӯи ин мақсад рафтан аст.

**16,28** Сипас Исо изҳороти ҳайратоваре кард, ки дар байни онҳое ки бо Ӯ истодаанд, баъзе ҳастанд, ки то Ӯро, ки дар Подшоҳии Худ меояд, набинанд, мазаи маргро нахоҳанд чашид. Мушкилӣ, албатта дар он аст, ки шогирдон аллакай мурдаанд, ва Масеҳ ҳанӯз барои дар қудрат ва ҷалол барқарор намудани Подшоҳии Худ наомадааст. Аммо мушкилӣ ҳал мешавад, агар ба назар нагирем, ки боб тамом мешавад, ва чунин ҳисобем, ки шарҳи ин изҳороти пурасрор ҳашт ояти боби оянда мебошанд. Ин оятҳо ҳодисаи дар кӯҳи Дигаргуншавӣ рухдодаро шарҳ медиҳанд. Дар он ҷо Петрус, Яъқуб ва Юҳанно Масеҳи дигаргуншударо диданд. Онҳо ҳақиқатан имтиёзи дар ҷалоли Подшоҳиаш дидани Масеҳро доштанд.

Дар дигаргуншавии Масеҳ ба мо гӯё нақшаи пешакии Подшоҳии ояндаи Ӯ аён мешавад. Петрус ин ҳодисаро чун «қуввати Худованди мо Исои Масеҳ ва омадани Ӯ» тасвир мекунад (2Пет. 1,16). Қувват ва омадани Худованди мо Исои Масеҳ ба омадани дуюми Ӯ дахл доранд. Ва Юҳанно дар бораи он чи онҳо дар болои кӯҳ аз сар гузарониданд, чун дар бораи замоне мегӯяд, ки «мо ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи Писари ягонаи Падар аст» (Юҳ. 1,14). Омадани аввали Масеҳ омадан дар фурӯтанӣ буд. Омадани дуюми Ӯ дар ҷалол хоҳад буд. Ҳамин тариқ, пешгӯии ояти 28 дар болои Кӯҳи Дигаргуншавӣ иҷро шуд. Петрус, Яъқуб ва Юҳанно Писари Одамро диданд, аммо аллакай на чун Носирии фурӯтан, балки чун Подшоҳи ҷалолёфта.

## Г. Ба ҷалол омода намудани шогирдон: Дигаргуншавӣ (17,1-8)

**17,1-2** Пас аз *шаш рӯзи* ҳодиса дар Қайсарияи Филиппус Исо Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро *ҳамроҳи Худ бурд ва онҳоро ба кӯҳи баланде*, ки дар Ҷалил буд, *баровард*.

*Бисёр тафсирдиҳандагон ба ин шаш рӯз аҳамият медиҳанд. Габелин, аз ҷумла, чунин мегӯяд:* «Шаш – рақами инсонист, рақамест, ки рӯзҳои меҳнатро ифода мекунад. Пас аз шаш рӯз – пас аз он ки меҳнат ва рӯзи инсонӣ ба охир мерасад, рӯзи Худованд, Подшоҳӣ, фаро мерасад».

Ҳангоме Луқо мегӯяд, ки дигаргунӣ пас аз «тақрибан ҳашт рӯз» ба амал омад (Луқ. 9,28), вай, аз афташ, ҳам рӯзеро ки Исо ин суханонро ба шогирдони Худ гуфт, ва ҳам рӯзи дигаргуншавиро дохил мекунад. Азбаски ҳашт – рақами растохез ва ибтидои нав аст, пас Подшоҳиро пурра бо ибтидои нав муқоиса кардан мумкин аст, чуноне ки Луқо мекунад.

Ба Петрус, Яъқуб ва Юҳанно, ки, аз афташ, ба Наҷотдиҳанда махсусан наздик

буданд, Ӯ имтиёзи дидани дигаргуншавиашро ато намуд. То ин дам ҷалоли Ӯ тахти бадани ҷисмӣ ниҳон буд. Аммо акнун *рӯй ва либоси Ӯ* чун *офтоб* дурахшида, ба таври ҳайратовар сафед гаштанд – зуҳуроти намоёни илоҳияти Ӯ, айнан ҳамон тавре ки абри ҷалол («шекина»), дар Аҳди Қадим рамзи ҳузури Худо буд. Ин манзара пешакӣ нишон медод, ки Худованд Исо чӣ гуна хоҳад буд, вақте барои барқарор намудани Подшоҳии Худ боз хоҳад омад. Ӯ бори дигар на чун Барраи қурбонӣ, балки чун Шер аз сибти Яҳудо хоҳад баргашт. Ҳамаи онҳое ки Ӯро мебинанд, Ӯро дарҳол чун Писари Худо, Шоҳи шоҳон ва Худованди худовандон хоҳанд шинохт.

**17,3** Мусо ва Илёс дар болои кӯҳ пайдо шуда, бо Ӯ дар бораи маргаш, ки дар Уршалим бояд воқеъ мешуд, сухан меронданд (Луқ. 9,30.31). Мусо ва Илёс ифодакунандагони муқаддасони Аҳди Қадим буда метавонанд. Ё ки, агар Мусоро ифодакунандаи шариат, ва Илёсро ифодакунандаи пайғамбарон ҳисобем, пас мо ҳар ду қисми Аҳди Қадимро мебинем, ки ба азобҳои Масеҳ ва ҷалоли Ӯ ишора мекунанд. Тахмини сеюм ин аст, ки Мусо ки ба осмон ба воситаи марг рафт, ифодагари ҳамаи онҳоест, ки пеш аз фаро расидани Подшоҳии Ҳазорсола аз мурдагон зинда мешаванд. Аммо Илёс, ки зинда ба осмон бурда ва дигаргун карда шуда буд, ифодагари онҳоест, ки ба воситаи дигаргуншавӣ ба Подшоҳӣ хоҳанд расид.

Шогирдон – Петрус, Яъқуб ва Юҳанно – умуман метавонанд тамоми муқаддасони Аҳди Навро ифода кунанд. Онҳо инчунин тимсоли бақияи амини Исроил буда метавонанд, ки ҳангоми омадани дубораи Масеҳ зинда аст ва ба Подшоҳӣ ҳамроҳи Масеҳ ворид мешавад.

Халқ дар поёни кӯҳ (ояти 14; бо Луқ. 9,37 муқоиса кунед) ба халқҳои ғайрияҳудӣ монанд карда мешавад, ки баракатҳои ҳукмронии Ҳазорсолаи Масеҳро бо ҳам хоҳанд дид.

**17,4-5** *Петрус* аз ҳодисаи рухдода хеле ба ҳаяҷон омада буд, вай аҳамияти таърихии ин ҳодисаро дарк мекард. Бо хоҳиши нигоҳ доштаи ин рӯъёи дилпазир вай пешниҳод кард, ки дар ин ҷо *се* чодари хотиравӣ созанд, яке барои Исо, *яке барои Мусо ва яке барои Илёс*. Вай дуруст кард, ки Исоро ба ҷои аввал гузошт, аммо нодуруст кард, ки бар онҳо афзалият доштани Ӯро таъкид накард. Исо яке дар байни баробарон нест. Ӯ Худованди ҳама чиз аст. Барои он ки инро дарси ибрат намояд, Худо онҳоро бо *абри* пурнур пӯшонид; сипас эълон намуд: «Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам; Ӯро гӯш кунед». Дар Подшоҳӣ Масеҳ Ҳокими ба таври бемонанд мустақил хоҳад буд, ки суханаш эътибори ниҳоӣ хоҳад дошт. Он дар дар дилҳои пайравонаш дар замони ҳозира бояд ҳамин гуна бошад.

**17,6-8** *Шогирдон* аз ин абри ҷалол ва овоз ҳайрон шуда, *рӯй ба замин афтоданд*. Аммо Исо ба онҳо фармуд, ки бархезанд ва *ҳаросон нашаванд*. Вақте ки онҳо бархестанд, *ғайр аз Исо касеро надиданд*. Дар Подшоҳӣ ҳамин хел мешавад – Худованд «тамоми ҷалоли замини Имонуил» хоҳад буд.

## Ғ. Оид ба саромад (17,9-13)

**17,9** *Аз кӯҳ* фаромада, Исо ба шогирдон фармуд, ки *то* Ӯ аз мурдагон барнахезад, чизи дидаашонро *ба касе нагӯянд*. Яҳудиён, ки дар фикри пайдо шудани ягон касе буданд, ки онҳоро аз асорати румиён озод кунад, Исоро ҳамчун халоскор аз асорати *Рум* бо хушнудӣ қабул карда метавонистанд, аммо Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда аз *гуноҳ* намехостанд. Аз боиси мақсадҳои амалӣ Исроил Масеҳи худро рад кард, бинобар ин ба онҳо дар бораи чунин исботи ҷалоли Масеҳ гуфтан бефоида буд. Аммо пас аз растохез ин хабар ба тамоми ҷаҳон паҳн мешавад.

**17,10-13** Инак, шогирдон омадани Масеҳро дар қувва ва ҷалолаш пешакӣ диданд. Аммо саромади Ӯ ҳанӯз пайдо нашуда буд. Малокӣ пешгӯӣ карда буд, ки пеш аз бозгашти Масеҳ *Илёс бояд аввал биёяд* (Мал. 4,5.6), бинобар ин *шогирдон* аз Исо дар ин бора *пурсиданд*. Худованд бо онҳо розӣ шуд, ки дуруст аст, ки *Илёс,* чун таҷдидгар, бояд *аввал* биёяд, то ҳама чизро омода созад, аммо фаҳмонд, ки *Илёс аллакай омад*. Аён аст, ки Ӯ *Яҳёи Таъмиддиҳандаро* дар назар дошт (ниг. ояти 13). Яҳё Илёс набуд (Юҳ. 1,21), аммо «бо рӯҳ ва қувваи Илёс» омад (Луқ. 1,17). Агар Исроил Яҳё ва хабари вайро қабул мекард, вай ҳамаи он чиро ки оид ба Илёс пешгӯӣ шудааст, иҷро мекард (Мат. 11, 14), аммо халқ аҳамияти хизматгузории Яҳёро нафаҳмид ва бо вай мувофиқи хости худ рафтор намуд. Марги Яҳё аёнан онро пешгӯӣ мекард, ки онҳо бо Писари Одам

хоҳанд кард. Онҳо саромадро рад карданд, ва онҳо ҳамчунин подшоҳро рад хоҳанд кард. Ҳангоме ки Исо инро ба шогирдон фаҳмонд, онҳо фаҳмиданд, *ки Ӯ оид ба Яҳёи Таъмиддиҳанда сухан мегуфт.*

Ин ҳамчунин асоси бовари ба он аст, ки пеш аз омадани дуюми Масеҳ пайғамбаре хоҳад бархост, то Исроилро ба омадани Подшоҳ тайёр намояд. Гуфтан амалан ғайриимкон аст, оё ин шахсан Илёс хоҳад буд, ё каси дигаре ки хизматгузории ба вай монандро ба ҷо меоварад.

### Д. Омодагӣ ба хизматгузорӣ ба воситаи рӯза ва дуо (17,14-21)

Ҳаёт ба мо на танҳо хурсандии фатҳи қуллаҳоро медиҳад. Пас аз лаҳзаҳои болоравии рӯҳонӣ соатҳо ва рӯзҳои меҳнати шадид ва ҳароҷотҳо фаро мерасанд. Замоне мерасад, ки мо бояд аз қулла поён оем, то дар водии эҳтиёҷоти инсонӣ хизматгузории худро давом диҳем.

**17,14-15** Дар поёни кӯҳ Наҷотдиҳандаро падари аз ғам бехудгашта интизор буд. *Назди Ӯ зону зада,* вай эҳтиёҷи ҳалталабашро оид ба шифои писараш, ки гирифтори рӯҳи палид буд, баён кард. Писараш гирифтори намуди вазнини бемории шабгардӣ буд, бинобар ин тез-тез ба оташ ё ба об меафтид, бинобар ин ҳолати бади вай бо сӯхтан ва хатари ғарқ шудан вазнинтар мешуд. Вай намунаи классикии азобҳое буд, ки шайтон – устоди тамоми амалҳои бераҳмона меорад.

**17,16** Ин падар барои ёрӣ ба *шогирдон* муроҷиат карда буд, аммо фаҳмид, ки «ёрии инсонӣ ботил аст». Онҳо қуввати ин гуна шифо доданро надоштанд.

**17,17** *«Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо шумо бошам? То кай шуморо тоқат кунам?»* – муроҷиат ба шогирдон аст. Онҳо боваре надоштанд, то шахси касалии шабгардӣ доштаро шифо диҳанд, ва дар ин ҳолат монанди қисми зиёди халқи Исроил низ буданд – нобовар ва якрав.

**17,18** Ҳамин ки шахси касалии шабгардӣ доштаро назди Ӯ оварданд, *Исо ба* дев *фармуд,* ва бемор *дарҳол шифо ёфт.*

**17,19-20** *Шогирдон,* ки аз бемуваффақиятии худ ҳайрон буданд, дар танҳоӣ аз Исо сабаби бемуваффақиятии худро пурсиданд. Ҷавоби Ӯ рӯйирост буд: *беимонӣ.* Агар онҳо *ба андозаи донаи хардал* (донаи хурдтарин) *имон* медоштанд, онҳо метавонистанд ба *кӯҳ* амр диҳанд, ки ба баҳр фурӯ ғалтад, ва ҳамин тавр мешуд. Албатта, фаҳмидан лозим аст, ки имони ҳақиқӣ бояд бар ягон фармон ё ваъдаи Худо асос ёфта бошад. Интизор будан ба иҷро шудани ягон найранги артистӣ барои қонеъ намудани хоҳиши нозпарваронаи худ, – на имон, балки густохист. Аммо агар Худо шахси имондорро ба ҷониби муайяне роҳнамоӣ кунад ё фармони муайяне диҳад, пас масеҳӣ метавонад боварии комил дошта бошад, ки ҳатто агар душвориҳое ба андозаи кӯҳ пайдо шаванд ҳам, онҳо ба таври муъҷизаосо бартараф карда мешаванд. Барои шахси имондор ҳеҷ чизи ғайриимкон нест.

**17,21** *«Лекин ин ҷинс фақат ба воситаи рӯза ва дуо берун меравад».* Ин оятро на дар ҳама, аммо дар аксари дастнависҳо пайдо кардан мумкин аст, ва он ба алоқамандии матн оид ба мушкилии махсус бе ягон душворӣ мувофиқ меояд.

### Е. Исо шогирдонро ба таслим карда шудани Худ тайёр менамояд (17,22-23)

**17,22-23** Боз ҳам, бе ягон хел фоҷианокӣ ва бе ягон тантана, Худованд шогирдонро огоҳ намуд, ки кушта хоҳад шуд. Ва боз ҳам сухани сафедкунӣ ва пирӯзӣ садо дод: Ӯ *дар рӯзи сеюм бармехезад.* Агар Ӯ пешакӣ инро намегуфт, вақте ин ҳама ба амал меомад, онҳо тамоман дилшикаста мешуданд. Марги шармандавор бо азобҳо ба интизориҳои онҳо оид ба Масеҳ рост намеомад.

Ба ҳар ҳол, онҳо хеле ғамгин шуданд, ки Ӯ онҳоро тарк хоҳад кард ва кушта хоҳад шуд. Онҳо огоҳкуниҳои Ӯро оид ба азобҳо шунида буданд, аммо чунин ба назар мерасад, ки онҳо ваъдаи зинда шуданашро аз мадди назар дур гузошта буданд.

### Ё. Петрус ва Устодаш андоз месупоранд (17,24-27)

**17,24-25** Дар Кафарнаҳум ҷамъоварандагони андози парастишгоҳ аз Петрус пурсиданд,

ки оё Устодаш дудирҳам намедиҳад, ки барои хизматгузории серхароҷоти парастишгоҳ сарф мешуданд. Петрус гуфт: «Оре». Эҳтимол, шогирди ба иштибоҳ афтида мехост Наҷотдиҳандаро аз вазъияти ногувор эҳтиёт кунад.

Ҳамадонии Худованд аз он чи баъд рӯй дод, аён аст. Вақте ки Петрус ба хона омад, пеш аз он ки вай имкони нақл кардани воқеаро дошта бошад, Исо бо вай сухан ронд: *«Эй Шимъун, фикри ту чист? Подшоҳони ҷаҳон боҷ ва андозро аз киҳо мегиранд? Аз фарзандони худ ё аз бегонагон?»* Ин савол дар партави тартиботи он замон равшан шуда метавонад. Ҳоким аз тамоми раияти худ андоз мегирифт, то ки оилаи худро ва подшоҳии худро таъмин намояд, вале оилаи вай андоз намедод. Дар шакли идоракунии ҳозираи мо ҳама бояд андоз супоранд, аз ҷумла ҳокимон ва оилаи онҳо низ.

**17,26** Петрус дуруст ҷавоб дод, ки ҳокимон *аз бегонагон* андоз мегиранд. Он гоҳ Исо гуфт, ки *фарзандон озоданд*. Гап дар он аст, ки ин парастишгоҳ хонаи Худо буд. Барои Исои Масеҳ, Писари Худо, барои хароҷоти парастишгоҳ андоз додан баробар ба он буд, ки Худаш ба Худ андоз диҳад.

**17,27** Аммо ба ҷои он ки барои ҷанҷол сабаби нодаркор диҳад, Худованд розӣ шуд, ки андоз супорад. Аммо Ӯ пулро аз куҷо мегирифт? Ҳеҷ гоҳ навишта нашудааст, ки Исо бо Худ пул гирифта мегашт. Ӯ Петрусро ба баҳри Ҷалил равона карда, фармуд, ки аввалин моҳии сайдшударо гирифта биёрад. Дар даҳони ин моҳӣ танга, *истатир* буд, ки Петрус бо он андозро пардохт, нимаашро барои Худованд Исо, ва нимаашро барои худ.

Ин муъҷизаи ҳайратовар, ки хеле кӯтоҳ навишта шудааст, ҳамадонии Масеҳро возеҳ нишон медиҳад. Ӯ медонист, ки кадоме аз тамоми моҳиёни баҳри Ҷалил дар даҳон танга дошт. Ӯ ҷойи маҳз ҳамин моҳиро медонист. Ва Ӯ медонист, ки Петрус онро аввал сайд мекунад.

Агар дар ин ҷо принсипи илоҳӣ амалӣ намегашт, Исо андоз намесупорид. Ҷиҳати ахлоқии ин кор барои Ӯ тафовуте надошт, ва Ӯ қарор дод, ки беҳтараш хироҷро супорад ва боиси ҷанҷол набошад. Мо, ки имондор ҳастем, аз шариат озодем. Аммо дар ҳолатҳое ки ба ахлоқ дахл надоранд, мо бояд виҷдони дигаронро эҳтиром намоем ва ҳеҷ боиси ранҷиш нашавем.

## XI. ПОДШОҲ БА ШОГИРДОНАШ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД (Б. 18–20)

### А. Оид ба фурӯтанӣ (18,1-6)

Боби 18-ро «Муҳокимаронӣ оид ба бузургӣ ва бахшоиши гуноҳҳо» номидан мумкин аст. Он таъкид менамояд, ки кадом меъёрҳои рафтор бояд хоси одамоне бошанд, ки худро мансубони Подшоҳ Масеҳ меноманд.

**18,1** Шогирдон оид ба Подшоҳии Осмон ҳамеша ҳамчун оид ба асри тиллоии осоиш ва гулгулшукуфӣ фикр мекарданд. Акнун онҳо хостанд, ки дар он мақоми фахриро дошта бошанд. Рӯҳи худхоҳи онҳо ифодаи худро дар ин савол ёфт: «Кӣ дар Подшоҳии Осмон бузургтар аст?»

**18,2-3** Исо ба онҳо бо мисоли зинда ҷавоб дод. Дар байни онҳо кӯдаки хурдеро гузошта, вай гуфт ки одамон бояд *бозгашт кунанд ва ба кӯдакони* хурд *монанд* шаванд, то ки ба *Подшоҳии Осмон дароянд*. Ӯ оид ба муҳтавои дохилии Подшоҳӣ сухан меронд. Барои имондори ҳақиқӣ шудан шахс бояд фикри азамати худро барканор гузорад ва мақоми пасттарини кӯдаки хурдро ишғол намояд. Ин ҳамон вақт сар мешавад, ки вай гуноҳкорӣ ва ношоямии худро эътироф карда, Исои Масеҳро ҳамчун умеди ягонаи худ қабул мекунад. Вай бояд дар давоми тамоми ҳаёти худ дар ин ҳолат монад. Исо шогирдони Худро наҷотнаёфта намеҳисобид. Ҳама, ба ғайр аз Яҳудо, аз тахти дил ба Ӯ имон доштанд ва аз ин сабаб сафед шуда буданд. Аммо онҳо ҳанӯз Рӯҳулқудсро ҳамчун Шахсияте ки дар онҳо зиндагӣ мекунад, надоштанд. Аз ҳамин сабаб барои фурӯтании ҳақиқӣ қувваеро, ки мо имрӯз дорем (аммо на ҳамеша онро ба таври даркорӣ истифода мебарем), надоштанд. Онҳо инчунин муҳтоҷи бозгашт кардан буданд ба он маъное ки бояд тафаккури барғалати онҳо мутобиқ ба Подшоҳӣ дигаргун мешуд.

**18,4** Шахси бузургтарин дар Подшоҳӣ ҳамонест, ки *худро мисли ин кӯдак фурӯтан созад*. Аён аст, ки меъёрҳо ва арзишҳои Подшоҳии Осмон комилан мухолифи он мебошанд, ки дар ҷаҳон аст. Тамоми тарзи фикррониямон бояд тағйир ёбад; мо бояд ҳамон фикрҳоеро дошта бошем, ки Масеҳ дорад (ниг. Фил. 2,5-8).

**18,5** Ин ҷо Худованд қариб ноаён аз кӯдаки одӣ ба кӯдаки рӯҳонӣ мегузарад. Ҳар кӣ яке аз пайравони фурӯтани Ӯро *ба номи Ӯ* қабул мекунад, ҳамон мукофотеро мегирад, ки гӯё Худи Худовандро қабул карда бошад. Он чи барои шогирд карда мешавад, барои Устод кардашуда ҳисобида мешавад.

**18,6** Баръакс, касе ки шахси имондорро ба васвасаи гуноҳ меандозад, ба маҳкумияти вазнин рӯ ба рӯ хоҳад шуд: *«барои вай беҳтар аст, ки санги осиёб ба гарданаш овехта, вайро дар қаъри баҳр ғарқ кунанд»* (Санги калони осиёберо, ки ин ҷо зикр шудааст, танҳо ҳайвони корӣ давр занонда метавонист; санги хурдтарро бо даст давр занондан мумкин буд.) Бар зидди худ гуноҳ кардан нохуб аст, аммо шахси имондорро ба гуноҳ водор кардан – аз покӣ маҳрум кардани вай, мафкураи вайро фосид кардан ва обрӯи вайро доғдор кардан аст. Ба марги зӯроварона дучор шудан беҳтар аз он аст, ки бо покии дигарон ҳазлбозӣ кунӣ!

### Б. Оид ба васвасаҳо (18,7-14)

**18,7** Исо фаҳмонданро давом медод, ки *васвасаҳо* наомада наметавонанд. Ҷаҳон, ҷисм ва иблис бо ҳам муттаҳид шудаанд, то ки ба васваса ва озмоиш гирифтор кунанд. Аммо агар инсон дар лашкари бадӣ думрави иблис шавад, гуноҳи вай калон мешавад. Бинобар ин Наҷотдиҳанда огоҳ мекард, ки ба худ сахтгир будан беҳтар аст, назар ба он ки фарзанди Худоро ба васваса андозӣ.

**18,8-9** Агар *дастат ё поят* ё агар *чашмат* гуноҳ кунад, пас беҳтараш онҳоро бо роҳи ҷарроҳӣ дур кунӣ, назар ба ин ки амали Худоро дар ҳаёти касе вайрон кунӣ. Беҳтараш бе даст ё бе чашм *ба ҳаёт дароӣ,* назар ба он ки бо тамоми аъзои осебнадидаи бадан ба дӯзах партофта шавӣ. Худованд онро дар назар надорад, ки дар осмон баъзеҳо бедаст хоҳанд буд, балки ҳолати ҷисмонии имондорро мефаҳмонад, вақте ки вай ин ҳаётро бахри ҳаёти оянда тарк мекунад. Бечуну чаро, бадани аз нав зиндашуда бенуқсон ва комил хоҳад буд.

**18,10** Писари Худо огоҳӣ дод, ки *ҳеҷ яке аз ин хурдонро,* ки ба Ӯ тааллуқ доранд, бад дидан мумкин нест, хоҳ кӯдак бошад ва ё каси дигаре ки ба Подшоҳӣ тааллуқ дорад. Барои Худо аҳамият доштани онҳоро таъкид карданӣ шуда, Ӯ илова намуд, ки *фариштаҳои онҳо* доимо дар ҳузури Худо мебошанд ва *рӯи* Ӯро мебинанд. *Фариштаҳо* дар ин ҷо, аз афташ, фариштаҳои нигаҳбон мебошанд (ниг. инчунин Ибр. 1,14).

**18,11** Ин оят оид ба вазифаи Наҷотдиҳандаи мо нуқтаи авҷи ин фасл мебошад.

**18,12-13** Ин хурдон ҳамчунин ҳадафи хизматгузории меҳрубонона ва наҷотбахшонаи Шубон мебошанд. Агар ҳатто яке аз *сад гӯсфанди* рама роҳгум занад, Ӯ *наваду нӯҳро* монда, гумшударо то пайдо кардан ҷустуҷӯ мекунад. Шодии Шубон аз ёфтани гӯсфанди гумшуда бояд моро омӯзонад, ки ба қадри тифлони Ӯ расем.

**18,14** Ин тифлон на танҳо барои фариштаҳо ва Шубон, балки инчунин барои Худо *Падар* арзиш доранд. Хости Падари шумо, ки дар осмон аст, ин нест, ки яке аз ин хурдон нобуд шавад. Агар онҳо он қадар аҳамият доранд, ки фариштагон, Худованд Исо ва Падари Осмонӣ бо онҳо машғул мешаванд, пас аён аст, ки мо ҳеҷ гоҳ набояд аз онҳо нафрат кунем, ҳатто агар барои мо нохуш ва ё камаҳамият намоянд ҳам.

### В. Оид ба ҷазои интизомӣ дар калисо (18,15-20)

Дар ин қисми боқимондаи боб сухан оид ба таҳлили ихтилофоти байни аъзоёни Калисо ва зарурати ба миқдори номаҳдуд бахшидан меравад.

**18,15** Дар бораи масъулияти масеҳие ки имондори дигар ӯро ранҷонд, сухан ронда, Исо дастурҳои комилан аниқ медиҳад. Аввал мухолифаткунандагон бояд корро байни худ дар алоҳидагӣ ҳаллу фасл кунанд. Агар шахси айбдор гуноҳашро ба гардан гирад, пас оштӣ ба даст омадааст. Аммо бадии кор дар ин аст, ки мо аксар вақт ин тавр намекунем. Мо бо дигарон дар ин хусус ғайбат мекунем. Он гоҳ ин кор ба монанди оташ паҳн мешавад ва ҷанҷол авҷ мегирад. Биёед дар ёд нигоҳ дорем, ки қадами аввал ин аст – *«рафта байни худат ва ӯ ба танҳоӣ гуноҳашро фаҳмон».*

**18,16** Агар бародари гунаҳкор гӯш накунад, он гоҳ бародари ранҷида бояд як ё ду шоҳидро бо худ гирад ва ба ҳамин тариқ ҳалли масъаларо пайдо кунад. Бо ин таъкид карда

мешавад, ки саркашии якравонаи ӯ шакли ҷиддитаре мегирад. Зиёда аз ин, шаҳодати босалоҳият тавре таъмин карда мешавад, ки Навишта инро талаб мекунад: *«... то ки аз забони ду ё се гувоҳ ҳар сухан тасдиқ шавад»* (муқоиса кунед: Так. Шар. 19,15). Ҳеҷ кас наметавонад ҳаҷми он осеби ба Ҷамоат расидаро чен кунад, ки аз боиси беитоатӣ ба қоидаи одие ба миён омадааст, ки айбдоркунии шахс бояд бо гувоҳии як ё ду кас тасдиқ карда шавад. Аз ин ҷиҳат аксар вақт додгоҳи дунявӣ аз ҷамоатҳо ё ҷамъомадҳои масеҳӣ одилонатар аст.

**18,17** Агар айбдоршаванда боз ҳам иқрор шудан ва бахшиш пурсидан нахоҳад, кор бояд барои азназаргузаронӣ ба *калисои* маҳаллӣ гузаронида шавад. Бояд таъкид кард, ки на додгоҳи дунявӣ, балки калисои маҳаллӣ вазифадор аст корро аз назар гузаронад. Масеҳии дигарро ба додгоҳ супоридани масеҳӣ мумкин нест (1Қур. 6,1-8).

Агар айбдоршаванда дар назди калисо гуноҳашро ба гардан гирифтан нахоҳад, ӯро чун *бутпараст* ва *боҷгир* ҳисобидан лозим аст. Маънои фаҳмотари ин ифода чунин аст: ӯро бояд чун шахси берун аз калисо ҳисобем. Агарчи дар асл ӯ метавонад имондор бошад, зиндагии ӯ аз ин дарак намедиҳад, ва бинобар ин бо ӯ бояд чунин муносибат намуд. Агарчи ӯ ҳанӯз ҳам узви Калисои умумиҷаҳонист, аз имтиёзоти калисои маҳаллӣ бояд дур карда шавад. Ин гуна ҷазои интизомӣ кори хеле ҷиддист; он муваққатан имондорро «... барои ҳалокати ҷисмаш ба шайтон месупорад, то ки рӯҳаш дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад» (1Қур. 5,5). Мақсади ин ҷазо – гуноҳро ба гардан гирифтани айбдоршаванда ва иқрор шудани ӯст. То даме ки ин мақсад ба даст наояд, имондорон бояд бо гуноҳкор боэҳтиромона муомила кунанд, вале ҳамчунин ба ӯ нишон диҳанд, ки бо гуноҳи вай муросо намекунанд ва бо ӯ чун бо бародари масеҳӣ мушоракат дошта наметавонанд. Ҷамоат бояд омода бошад, ки ҳангоме нишонаҳои тавбаи самимии ӯ пайдо шаванд, ӯро дарҳол аз нав қабул кунад.

**18,18** Ин оят мавзӯи болоиро давом медиҳад. Ҳангоме ки ҷамоат бо дуо ва бо итоаткорӣ ба Калом шахсро бо чораи интизомӣ мебандад, рафтори он дар *осмон* маъқул дониста мешавад. Вақте ки шахси ҷазогирифта тавба кунад ва гуноҳи худро эътироф намояд ва ҷамоат ӯро ҳамчун узви калисо барқарор кунад, ин амали кушодан ҳамчунин аз тарафи Худо тасдиқ карда мешавад (ниг. Юҳ. 20,23).

**18,19** Саволе ба миён меояд: Ҷамоат бояд чӣ қадар калон бошад, то чуноне ки дар боло тасвир шудааст, бандад ва кушояд? Ҷавоб чунин аст: *Ду* имондор ин гуна масъалаҳоро бо дуо дар ҳузури Худо оварда метавонанд, бо боварӣ ба он ки Ӯ мешунавад. Агарчи ояти 19-ро чун ваъдаи одии ҷавобҳо ба дуоҳо истифода бурдан мумкин аст, дар алоқамандии матн он ба дуо оид ба интизоми калисоӣ дахл дорад. Ҳангоме ки онро умуман дар робита бо дуои якҷоя ба кор мебаранд, онро дар партави тамоми таълимотҳои дигар оид ба дуо аз назар гузарондан лозим аст. Масалан, мо бояд чунин дуо кунем:

1. Мувофиқи хости ошкоршудаи Худо (1Юҳ. 5,14-15).
2. Бо имон (Яъқ. 1,6-8).
3. Бо дили соф (Ибр. 10,22а) ва ғайра.

**18,20** Ин оятро дар алоқамандии матн тафсир кардан лозим аст. Он асосан на ба шакли одитарини калисои Аҳди Нав, на ба маҷлиси умумии дуо, балки ба ҷамъомаде дахл дорад, ки калисо дар он байни ду масеҳие ки аз боиси кадом як гуноҳе ҷудоӣ доранд, оштӣ меҷӯяд. Комилан ҳаққонӣ онро ба ҳамаи ҷамъомадҳои имондорон, ки Масеҳ он ҷо ҳузур дорад, алоқаманд донистан мумкин аст, аммо ин ҷо ҷамъомад мақсади махсус дорад.

Ҷамъ омадан «ба номи Ӯ» чунин маъно дорад: зери роҳбарии Ӯ, бо дарки ҳамаи он ки Ӯ кист, ва бо итоат ба Каломи Ӯ. Ҳеҷ кадом гурӯҳ наметавонад, даъво намояд, ки танҳо он ба номи Ӯ ҷамъ мешавад. Агар ин ҳамин тавр мебуд, пас ҳузури Ӯ дар замин бо қисми ками Бадани Ӯ маҳдуд мешуд. Ҳар ҷо ки *ду ё се кас* бо эътирофи он ҷамъ шаванд, ки Исо Худованд ва Наҷотдиҳандаашон аст, Ӯ он ҷо *дар миёни* онҳост.

## Г. Оид ба бахшидани номаҳдуд (18,21-35)

**18,21-22** Дар ин хусус Петрус мехост фаҳмад, ки *чанд бор* ӯ бояд *бародари худро,* ки нисбат ба ӯ гуноҳ кардааст, *бахшад*. Эҳтимол, вай фикр мекард, ки *ҳафтро* ҳамчун рақами дуруст барои бахшидан пешниҳод карда, раҳмдилии

беандоза зоҳир намудааст. *Исо* ҷавоб дод: *Ба ту намегӯям: «То ҳафт бор, балки то ҳафтод бор ҳафт».* Мақсади Ӯ ин набуд, ки мо рақами 490-ро айнан қабул намоем, Ӯ ҳамин тавр миқдори номуайянро ифода намуд.

Пас, касе метавонад пурсад: Зинаҳои зикршударо тай намуда, худро саргардон кардан чӣ даркор? Чӣ ҳоҷат аст, ки худамон назди шахси озордода равем, сипас бо як ё ду шоҳид, ва баъд ӯро ба ҷамоат барем? Чаро ӯро набахшем ва бо ҳамин ин корро ба анҷом нарасонем?

Ҷавоб чунин аст: Раванди бахшидан зинаҳои муайяни зеринро дар бар мегирад:

1. Ҳангоме ки бародар маро меранҷонад ё бар зидди ман гуноҳ мекунад, ман бояд зуд ӯро *дар дили худ* бахшам (Эфс. 4,32). Ин маро аз рӯҳи талхи набахшидан озод мекунад ва гуноҳро дар уҳдадории ӯ нигоҳ медорад.
2. Агарчи ман ӯро дар дили худ бахшидам, инро ҳанӯз ба ӯ намегӯям. Нодуруст мебуд, агар мо ошкоро нишон медодем, ки вай бахшида шудааст, дар ҳоле ки вай ҳанӯз иқрор нашудааст. Бинобар ин ман бояд ба назди бародар равам ва ӯро бо муҳаббат сарзаниш намоям, бо умеди он ки ӯ гуноҳашро ба гардан мегирад (Луқ. 17,3).
3. Ҳамин ки ӯ бахшиш мепурсад ва аз гуноҳаш тавба мекунад, ман мегӯям, ки ӯ бахшида шудааст. (Луқ. 17,4).

**18,23** Сипас Исо масалеро дар бораи *Подшоҳии Осмон* меорад, то ки аз натиҷаҳои рӯҳи набахшидани баъзе тобеоне ки омурзишро муфт гирифтаанд, огоҳ кунад.

**18,24-27** Ӯ дар бораи *подшоҳе* нақл мекунад, *ки мехост* китоби қарзҳоро ба тартиб оварад. Як хизматгоре *ки даҳ ҳазор талант аз вай қарз дошт,* ин қарзро ба вай баргардонда наметавонист, бинобар ин хоҷааш фармуд, ки вай ва аҳли оилааш барои пардохти қарз ба ғуломӣ фурӯхта шаванд. Хизматгор, ки аз ғам девонаавзоъ гашта буд, аз хоҷааш илтиҷо намуд, то ба вай муҳлат диҳад, ва ваъда дод, ки агар ӯ фурсат диҳад, *ҳамаашро адо мекунад.*

*Чун бисёр қарздорон, ӯ хеле некбин (оптимист) буд, ва умед дошт, ки агар ба вай муҳлат дода шавад, қарзҳоро пардохта метавонад (ояти 26). Даромади умумии вилояти Ҷалил то 300 талантро ташкил медод, ин шахс бошад 10 000 талант қарздор буд! Ин миқдори беандозаи қарз бофтаи хаёл аст. Он бояд шунавандагонро ба ҳайрат оварда, диққаташонро ҷалб намояд, ва дар айни замон қарзи бузург ба Худоро қайд намояд. Мартин Лютер одатан мегуфт, ки ҳамаи мо дар назди Ӯ камбағалонем. Мо бояд ҳеҷ ягон умед надошта бошем, ки қарзҳоямонро пардохта метавонем.*

(Қайдҳои ҳаррӯзаи Ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

Ҳангоме ки *хоҷааш* андӯҳи хизматгори худро дид, вай ҳамаи 10 000 талантро барояш бахшид. Ин зуҳуроти ҳимматбаландонаи раҳмдилӣ буд, на ин ки адолат.

**18,28-30** Он хизматгор дигар хизматгор дошт, ки аз вай *сад динор* қарздор буд (якчанд сад доллар). Ба ҷои он ки рафиқашро бахшад, вай *гулӯи ӯро фишурда,* талаб кард, ки ҳамаи қарзро пурра баргардонад. Қарздори бечора илтиҷо мекард, ки муҳлат диҳад, аммо ҳамааш бефоида буд. Вай ба *зиндон* андохта шуд, *то қарзашро адо кунад*, ки ин аз эҳтимол дур буд, зеро вай имкони пул кор карданро аз даст дод, чунки дар зиндон буд.

**18,31-34** Хизматгорони дигар, ки аз ин рафтори ношоиста оташин шуда буданд, *назди хоҷаи худ омада, ҳар он чи рӯй дода буд, ба вай нақл карданд.* Ӯ нисбати қарздори бераҳм хашмгин шуд: Дар ҳоле ки ин қадар қарзи бисёри вай бахшида шудааст, вай нахост, ки маблағи андакеро бахшад. Ва ӯро ба дасти шиканҷакунандагони зиндон доданд, то даме ки қарзашро пардохт намояд.

**18,35** Истифодаи ин масал аён аст. Худо Подшоҳ аст. Ҳамаи хизматгоронаш аз боиси гуноҳ беандоза қарздор буданд, ки онро ҳеҷ гоҳ пардохта наметавонистанд. Худованд бо раҳмдилӣ ва ҳамдардии ҳайратовар ин қарзро пардохт ва ба мо бахшидашавии пурраро муфт дод. Акнун ба худ тасаввур кунед, ки масеҳие масеҳии дигарро ранҷонид. Вақте ки ба вай дар ин бора гуфтанд, вай узр хост ва бахшиш пурсид. Аммо имондори ранҷида бахшидан намехоҳад. Ба худи вай миллионҳо доллар қарзро бахшидаанд, вай бошад якчанд сад долларро бахшидан намехоҳад. Оё Подшоҳ роҳ медиҳад, ки ин гуна рафтор беҷазо монад? Албатта, не! Гунаҳкор дар ин ҳаёт ҷазо дода мешавад ва дар пеши Курсии доварии Масеҳ низ зарар хоҳад дид.

### Ғ. Оид ба оиладоршавӣ, талоқ ва беникоҳӣ (19,1-12)

**19,1-2** Хизматгузории Худро дар *Ҷалил* ба анҷом расонида, Худованд ба ҷануб, ба сӯи Ершалим рафт. Агарчи хатти ҳаракати Ӯ маълум нест, маълум мегардад, ки Ӯ аз Перея, ки дар соҳили шарқии Урдун буд, гузашта мерафт. Матто дар бораи ин ноҳия ноаниқ мегӯяд: *он сӯи Урдун, дар ҳудуди Яҳудия.* Хизматгузорӣ дар Перея фосилаи байни боби 19,1 ва 20,16 ё 20,28-ро дар бар мегирад; вақти аз Урдун ба Яҳудо гузаштани Ӯ аниқ зикр нашудааст.

**19,3** Эҳтимол, тӯдаи одамоне ки барои шифо ёфтан аз пайи Исо мерафтанд, дар куҷо будани Худовандро ба *фарисиён* маълум намуданд. Ба мисли тӯдаи сагҳои ёбоӣ, онҳо ба Ӯ наздик омаданд, то ки дар сухан озмоянд. Онҳо пурсиданд, ки оё *талоқ* ҳамеша мумкин аст ё дар ҳолати муайян. Ӯ ҳар ҷавобе ки диҳад, ба ҳар ҳол ягон гурӯҳи яҳудиён ба хашм меомад. Яке аз ҳизбҳо ба талоқ муносибати озодфикрона дошт, дигаре ба ин масъала бо ҷиддияти том муносибат мекард.

**19,4-6** Худованди мо фаҳмонд, ки мувофиқи нияти ибтидоии Худо, инсон бояд танҳо як зани зинда дошта бошад. Худое ки онҳоро *марду зан офарид,* муқаррар намуд, ки муносибатҳои никоҳӣ муносибатҳои волидайниро иваз мекунад. Ӯ инчунин гуфт, ки никоҳ иттиҳоди ду шахсият аст. Нияти Худо он буд, ки ин иттиҳоди аз тарафи Худо муқарраршуда ҳеҷ гоҳ бо қарордод ё қонуни инсонӣ канда нашавад.

**19,7** Фарисиён чунин ҳисобиданд, ки Худовандро дар инкор намудани Аҳди Қадим ба даст афтонданд. Оё *Мусо* амре оид ба *талоқ* нафармудааст? Мард метавонист ба зани худ тасдиқномаи хаттӣ диҳад, ва сипас вайро аз хона бадар ронад (Так. Шар. 24,14).

**19,8** Исо розӣ шуд, ки *Мусо* талоқро *иҷозат* дод, аммо на барои он ки талоқ чизи беҳтаре буд, ки Худо барои инсоният пешбинӣ намудааст, балки ба сабаби муртадии Исроил: «*Ба сабаби дилсахтии шумо Мусо ба шумо иҷозат додаст, ки занони худро талоқ диҳед; лекин дар ибтидо чунин набуд*». Мувофиқи нияти идеалии Худо талоқ набояд мебуд. Аммо Худо гоҳ-гоҳ вазъиятҳоеро роҳ медиҳад, ки хости бевоситаи Ӯ нестанд.

**19,9** Сипас Худованд омирона изҳор намуд, ки акнун нармдилӣ нисбати талоқ, дар он намуде ки пеш буд, қатъ карда мешавад. Дар оянда барои талоқ танҳо як асоси қонунӣ хоҳад буд: хиёнат дар муносибатҳои зану шавҳарӣ. Агар шахс бо ягон сабаби дигар аз занаш ҷудо шуда, аз нав оиладор шавад, вай *зино мекунад.*

Агарчи дар ин бора рӯйрост гуфта намешавад, аз суханони Худованди мо фаҳмидан мумкин аст, ки дар ҳолате ки талоқ ба сабаби зино дода шудааст, тарафи бегуноҳ метавонад боз оиладор шавад. Вагарна талоқ ғайр аз он чи бо ҷудошавӣ ба миён меомад, ба мақсади дигаре намерасид.

Одатан, зино гуфта *бадахлоқии ҷинсӣ* дар назар дошта мешавад, яъне фосиқӣ. Аммо бисёр донишҷӯёни қобилиятноки Навиштаҳо чунин мешуморанд, ки зино танҳо ба бадахлоқии пеш аз оиладорӣ дахл дорад, ки баъди оиладоршавӣ маълум мешавад (ниг. Так. Шар. 22,13-21). Дигарон ақида доранд, ки ин танҳо ба маросимҳои оиладоршавии *яҳудӣ* дахл дорад ва ин «шарти махсус» танҳо дар ин ҷо, дар Инҷили яҳудии Матто ҳаст.

Барои муҳокимаронии пурратар оид ба талоқ ба тафсир дар Матто 5,31.32 нигаред.

**19,10** Ҳангоме ки *шогирдон* таълимоти Исоро оид ба талоқ шуниданд, онҳо худро чун одамоне нишон доданд, ки аз як ифрот ба ифроти дигар афтода, мавқеи хандаовареро ишғол мекунанд: Агар талоқ танҳо дар як ҳолат мумкин бошад, пас, барои канораҷӯӣ аз гуноҳ дар ҳаёти оиладорӣ *зан нагирифтан беҳтар аст.* Аммо муҷаррадӣ онҳоро аз гуноҳ эмин намегузорад.

**19,11** Бинобар ин Наҷотдиҳанда ба онҳо хотиррасон намуд, ки беникоҳӣ қоидаи умумӣ нест: Танҳо ҳамон касоне ки ба онҳо файзи махсус дода шудааст, аз никоҳ худдорӣ карда метавонанд. Суханони «*На ҳама метавонанд ин каломро қабул кунанд, балки танҳо касоне ки ба онҳо ато шудааст*» маънои онро надорад, ки на ҳама маънои ин суханонро мефаҳманд. Ин ҷо он дар назар дошта шудааст, ки шахсони ба ҳаёти беоила даъватнашуда покдоманона умр ба сар бурда наметавонанд.

**19,12** Худованд Исо мефаҳмонад, ки се намуди *ахтаҳо* ҳастанд. Баъзеҳо барои он ахта ҳастанд, ки бе қобилияти наслдиҳӣ *таваллуд шудаанд.* Дигарон барои он чунин шудаанд, ки одамон онҳоро ахта кардаанд. Ҳокимони Шарқ бисёр вақт нисбати ходимони

ҳарам ҳамин амалро ба кор мебурданд. Аммо Исо ин ҷо оид ба онҳое сухан меронад, ки *ба хотири Подшоҳии Осмон худро ахта кардаанд.* Ин одамон зан гирифта метавонистанд, онҳо нуқсони ҷисмонӣ надоранд. Аммо худро ба Подшоҳ ва Подшоҳии Ӯ бахшида, онҳо ихтиёран аз никоҳ даст мекашанд, то саргарми вақтхушӣ нашуда, худро ба хизмати Масеҳ бахшанд. Чуноне ки дертар Павлус навишта буд: «Марди безан дар бораи он чи ба Худо оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Худо писанд афтад» (1Қур. 7,32). Безан будани онҳо на ба сабаби ҷисмонӣ, балки ба худдории ихтиёрӣ вобаста аст.

На ҳамаи одамон ин гуна зиста метавонанд, балки танҳо ҳамонҳое ки барояшон қуввaи илоҳӣ дода шудааст: «... аммо ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, яке ин тавр, дигаре ба таври дигар» (1Қур. 7,7).

## Д. Оид ба кӯдакон (19,13-15)

**19,13-15** Ҷолиби диққат аст, ки пас аз муҳокимаронӣ оид ба талоқ сухан дар бораи кӯдакон меравад (ниг. инчунин Марқ. 10,116). Дар оилаҳои ҷудошуда аксаран беш аз ҳама онҳо азоб мекашанд.

Волидон *кӯдакони* хурдсолашонро назди Исо оварданд, то Устод ва Шубон онҳоро баракат диҳад. Шогирдон ба волидон *монеъ шуданд,* зеро ин ба назари онҳо халалрасонӣ ва шилқинӣ намуд. Аммо Исо дахолат намуда, суханонеро гуфт, ки аз ҳамон вақт ҳусни таваҷҷуҳи ҳамаи кӯдаконро ба Ӯ ҷалб намуд: *«Кӯдаконро гузоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Подшоҳии Осмон аз они чунин касон аст».*

Аз ин суханон якчанд дарсҳои муҳим бармеоянд. Аввалан, онҳо бояд ба хизматгори Худованд талқин намоянд, ки ба назди Масеҳ овардани кӯдакон аҳамияти беандоза дорад, зеро шуури онҳо ба Каломи Худо бештар ҳассос аст.

Сониян, он кӯдаконеро, ки дар ҳузури Худованд имонашонро изҳор карданӣ ҳастанд, ҳавасманд кардан лозим аст, на ин ки дур кардан. Ҳеҷ кас намедонад, ки дар дӯзах одами хурдсолтарин чандсола аст. Агар кӯдак хоҳиши самимонаи наҷот ёфтан дошта бошад, ба вай набояд гуфт, ки ҳанӯз хеле хурдсол аст. Дар айни замон ба кӯдакон набояд фишор овард, то эътирофи сохта кунанд. Азбаски кӯдакон ба даъватҳои пурҳиссиёт ҳассосанд, онҳоро аз усулҳои башорати бофишор эмин бояд дошт. Кӯдакон барои наҷот ёфтан набояд интизори калоншавӣ бошанд; баръакс, калонсолон бояд ба кӯдакон монанд шаванд (18,3.4; Марқ. 10,15).

Сеюм, ин калимаҳои Худованди мо ба савол ҷавоб медиҳанд: «Бо кӯдаконе ки ба синни масъулиятшиносӣ нарасида мемуранд, чӣ хоҳад шуд?» Исо ҷавоб дод: *«Подшоҳии Осмон аз они чунин касон аст».* Ин барои волидоне ки фарзандони хурдсолашонро аз даст додаанд, бояд кафолати кофӣ бошад.

Баъзан ин порчаро барои сафед кардани таъмиди кӯдакони хурдсол истифода мебаранд, то онҳоро узви Бадани Масеҳ ва ворисони Подшоҳӣ намоянд. Ин порчаро бо диққати бештар хонда, мо мебинем, ки он волидон кӯдаконашонро ба назди Исо на барои таъмид меоварданд. Илова бар ин мо мебинем, ки Подшоҳии Осмон аллакай аз они онҳост. Ҳамчунин дар ин оятҳо оид ба об калимае ҳам нест.

## Е. Оид ба сарват: ҷавони сарватманд (19,16-26)

**19,16** Ин воқеа ба мо имкон медиҳад, ки аз тазодҳо таълим гирем. Худи ҳозир мо дидем, ки Подшоҳии Осмон ба кӯдакон тааллуқ дорад. Акнун бошад ба мо нишон дода шудааст, ки ба Подшоҳии Осмон ворид шудани калонсолон то чӣ андоза мушкил аст.

Шахси сарватманд суханони Худовандро бо саволи ҳақиқатан самимӣ мебурад. Ба Исо бо суханони *«Эй Устоди Некӯ»* муроҷиат намуда, ӯ пурсид, ки чӣ кор кунад, то ки *ҳаёти абадӣ* ёбад. Ин савол шоҳиди он аст, ки ӯ кӣ будани Исоро ва чӣ гуна пайдо намудани роҳи наҷотро намедонад. Ӯ Исоро *«Устод»* номида, Ӯро бо дигар одамони бузург дар як қатор мегузорад. Ва ӯ дар бораи ба даст овардани *ҳаёти абадӣ* ҳамчун оид ба қарз сухан меронад, на ин ки ҳадя.

**19,17** Худованди мо ӯро бо ду савол санҷид. Ӯ пурсид: *«Чаро Маро некӯ мегӯӣ? Ҳеҷ кас некӯ нест, ғайр аз Худо».* Дар ин ҷо Исо илоҳияти Худро инкор намекард, балки ба ин

шахс имкон медод, ки чунин гӯяд: «Маҳз барои он Туро некӯ меномам, ки Ту Худо ҳастӣ».

Барои санҷидани тасаввуроти ӯ оид ба роҳи наҷот Исо гуфт: *«Агар мехоҳӣ дохили ҳаёт шавӣ, фармудаҳоро нигоҳ дор»*. Наҷотдиҳанда намехост гӯяд, ки инсон бо риояи шариат наҷот ёфта метавонад. Аниқтараш, Ӯ шариатро ба кор бурд, то ки дар дили ин шахс эҳсоси гуноҳкориро бедор кунад. Ин шахс барғалат чунин меҳисобид, ки дар асоси *амалҳои худ* вориси Подшоҳӣ шуда метавонад. Бинобар ин бигузор вай шариатро риоя намояд, ки чӣ *кор* карданро барояш мегӯяд.

**19,18-20** Худованди мо Исо панҷ фармонро, ки ба муносибат ба ёри худ дахл доранд, иқтибос оварда, бо ифодаи зерин ба нуқтаи авҷ расонд: *«Ёри худро мисли худ дӯст дор»*. Ин шахс ба сабаби нобиноии рӯҳонӣ худхоҳияшро дида наметавонист, ва ҳавобаландона изҳор намуд, ки ҳамеша ин фармонҳоро риоя мекард.

**19,21** Сипас Худованд ёри худро мисли худ дӯст дошта натавонистани ин шахсро бо он нишон дод, ки ба ин шахс пешниҳод намуд, то тамоми доροияшро *фурӯхта,* пулашро *ба камбағалон* бидиҳад. Сипас вай бигузор *омада* Ӯро *пайравӣ* кунад.

Худованд намехост бигӯяд, ки агар ин шахс дороияшро фурӯхта, пули онро ба ҳадафҳои хайрия сарф мекард, наҷот ёфта метавонист. Танҳо як роҳи наҷот ҳаст – имон ба Худованд.

Аммо барои наҷот ёфтан шахс бояд дарк намояд, ки гуноҳ кардааст ва талаботи поки Худоро вайрон намудааст. Дороии худро бо мискинон бо ҳам дида натавонистани шахси сарватманд нишон дод, ки ӯ ёри худро мисли худ дӯст намедорад. Ӯ бояд мегуфт: «Худовандо, агар ин ҳамон чизест, ки аз ман талаб карда мешавад, пас ман гунаҳкорам. Ман худро бо кӯшишҳои худ наҷот дода наметавонам. Бинобар ин аз Ту хоҳиш менамоям, ки маро аз рӯи файзи Худ наҷот диҳӣ». Агар Ӯ ба нишондодҳои Наҷотдиҳанда аксуламал нишон медод, ба вай роҳи наҷот нишон дода мешуд.

**19,22** Ба ҷои ин вай *ғамгин шуда, рафт.*

**19,23-24** Аксуламали шахси сарватманд Исоро водор намуд, то бигӯяд, ки *ба Подшоҳии Осмон даромадани сарватманд душвор аст.* Сарват бо осонӣ метавонад ҳамчун бут шавад. Дорои сарват буда, ба он умед набастан душвор аст. Он гоҳ Худованди мо изҳор намуд: *«Аз сӯрохии сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватманд ба Подшоҳии Осмон дохил шавад»*. Ӯ санъати адабиеро ба кор бурд, ки муболиға ном дорад – баёноте ки дар шакли қувватнок ифода ёфтааст, ва ба мақсади таассуроти равшан ва фаромӯшнашуданӣ бахшидан гуфта мешавад.

Возеҳ аст, ки шутур аз сӯрохии сӯзан гузашта наметавонад! Аксар вақт чунин шарҳ медиҳанд, ки «сӯрохии сӯзан» – дари хурдтарини дарвозаи шаҳр аст. Шутур ба зону истода, бо душвориҳои зиёд аз он гузашта метавонист. Аммо дар порчаи мувозӣ аз Луқо ҳамин гуна калимаҳо барои ифода намудани сӯзане ки ҷарроҳон ба кор мебаранд, истифода мешаванд. Аз матн аён мешавад, ки Худованд на дар бораи душворӣ, балки дар бораи ғайриимкон будан сухан меронд. Ба таври инсонӣ гӯем, шахси сарватманд наҷот ёфта наметавонад.

**19,25** *Шогирдон* ин суханонро шунида, *дар ҳайрат шуданд.* Ҳамчун яҳудиёни мувофиқи шариати Мусо мезиста, ки аз рӯи он Худо ба ҳамаи итоаткорони Ӯ некӯаҳволӣ ваъда додааст, онҳо боварӣ доштанд, ки бойигарӣ нишонаи баракати Худост. Агар касе ки баракатҳои Худоро ин тавр ба кор мебурд, наҷот ёфта наметавониста бошад, пас кӣ метавонист?

**19,26** Худованд ҷавоб дод: *«Барои одамизод ин ғайриимкон аст, лекин барои Худо ҳама чиз имконпазир аст»*. Хулласи калом, *ҳеҷ кас* худаш наҷот ёфта наметавонад, танҳо Худо ҷонро наҷот дода метавонад. Аммо барои шахси сарватманд назар ба камбағал душвортар аст, ки иродаи худро ба Масеҳ тобеъ намояд, ва ин аз он аён аст, ки хеле кам шахсони сарватманд имон меоваранд. Барои онҳо қариб ғайриимкон менамояд, ки боварӣ ба воситаҳои дидашавандаи такякуниро бо имон ба Наҷотдиҳандаи диданашаванда иваз намоянд. Танҳо Худо метавонад ин гуна дигаргуниро дар онҳо ба амал оварад.

Тафсиркунандагон ва воизон дар ин ҷой ҳамеша илова мекунанд, ки комилан одилона аст, агар масеҳиён сарватманд бошанд. Боиси ҳайрат аст, ки ғун кардани ганҷҳои заминиро сафед карданӣ шуда, онҳо порчаеро истифода мебаранд, ки дар он Худованд сарватро ҳамчун монеаи некӯаҳволии абадии одам маҳкум менамояд! Мушоҳида намудан вазнин аст, ки

масеҳӣ метавонад ба сарват сахт часпад, агарчи дар ҳама ҷо қашшоқии даҳшатоварро мебинад, ва медонад, ки Худованд ғун кардани ганҷҳоро дар замин манъ кардааст ва вақти омадани Ӯ наздик аст. Сарвати ғун кардашуда моро дар он айбдор мекунад, ки ёронамонро мисли худ дӯст намедорем.

### Ё. Оид ба мукофотҳо барои ҳаёти фидокорона (19,27-30)

**19,27** *Петрус* маънои таълимоти Наҷоткорро дарёфт. «Ҳама чизро тарк карда, Маро пайравӣ кунед» гуфтани Исоро фаҳмида, Петрус ботинан фахр мекард, ки вай ва дигар шогирдон маҳз ҳамин тавр рафтор намуданд, ва вай илова кард: «Чӣ чизе насиби мо мешавад?» Ин ҷо худхоҳии вай зоҳир шуд, табиати кӯҳна боз худро аён намуд. Ин рӯҳе буд, ки ҳамаи мо бояд ба муқобили он омода бошем. Вай бо Худованд савдо мекард.

**19,28-29** Худованд Петрусро бовар кунонд, ҳар он чи баҳри Ӯ карда шудааст, бо мукофоти саховатмандона қадр карда хоҳад шуд. Худи 12 шогирд бошанд, дар Подшоҳии Ҳазорсола мақоми боэътибор хоҳанд дошт. *Ҳаёти нав* ба ҳукмронииояндаи Масеҳ дар замин дахл дорад. Ин бо ифодаи зерин фаҳмонида мешавад: *«... ҳангоме ки Писари Одам дар тахти ҷалоли худ нишинад»*. Мо пештар дар бораи ин марҳилаи Подшоҳӣ ҳамчун оид ба *мавҷудияти аёни* Подшоҳӣ гуфта будем. Дар он вақт дувоздаҳ нафар *бар дувоздаҳ тахт нишаста, бар дувоздаҳ сибти Исроил доварӣ* хоҳанд кард. Мукофотҳо дар Аҳди Нав бо мақомҳо дар низоми идоракунии Подшоҳии Ҳазорсола вобаста мебошанд (Лук. 19,17.19). Онҳо дар назди Курсии доварии Масеҳ *дода* хоҳанд шуд, аммо танҳо ҳамон вақт ба *эътибор* медароянд, ки Масеҳ ба замин бармегардад, то ки бар он ҳукмронӣ намояд.

Дар хусуси ҳамаи дигар имондорон Масеҳ гуфт, ки *ҳар кӣ ба хотири номи Ман хонаҳо ё бародарон ё хоҳарон ё падар ё модар ё зан ё фарзандон ё киштзорҳоро тарк кунад, сад чандон меёбад ва ҳаёти абадӣ мерос хоҳад шавад* … Дар ин зиндагӣ онҳо аз мушоракат бо имондорони тамоми ҷаҳон лаззат мебаранд, ки он пурра ва барзиёд подоши алоқаҳои кандашудаи заминиро медиҳад. Онҳо ба ҷои як хонаи тарккардаашон сад хонаи масеҳиёнро пайдо мекунанд, ки онҳоро хушнудона қабул мекунанд. Барои заминҳо ё дигар сарватҳои таркардаашон онҳо беҳисоб сарвати рӯҳонӣ хоҳанд гирифт.

Мукофоти оянда барои ҳамаи имондорон – *ҳаёти абадӣ* аст. Ин маънои онро надорад, ки мо ҳаёти абадиро ба воситаи он ба даст меоварем, ки ҳама чизро тарк мекунем ва фидокорӣ менамоем. Ҳаёти ҷовидонӣ ҳадя аст, ва онро бо амалҳо ба даст овардан ё сазовор шудан имкон надорад. Дар ҳамин ҷо гуфта мешавад, ки касоне ки ҳама чизро тарк кардаанд, ҳамчун мукофот имконияти бештаре барои лаззат бурдан аз ҳаёти ҷовидонӣ хоҳанд дошт. Ҳамаи имондорон ҳаёти ҷовидонӣ хоҳанд дошт, аммо на ҳама ба як андоза аз он лаззат хоҳанд бурд.

**19,30** Худованд нутқи Худро бо огоҳкунӣ оид ба рӯҳи додугирифт ба анҷом расонд. Дар амал Ӯ ба Петрус гуфт: «Ҳар он чи ту барои Ман мекунӣ, сазовори мукофот хоҳад буд, аммо эҳтиёт бош, ки туро мақсадҳои худхоҳона роҳнамоӣ накунанд, вагарна бисёре ки аввалин ҳастанд, охирин мешаванд, ва охиринҳо – аввалин». Ин суханон бо масале дар боби оянда тавзеҳ дода мешаванд. Он метавонист огоҳкунӣ низ бошад, ки дар пайраҳаи шогирдӣ ибтидои хуб кифоя нест. Ҳама чиз ба он вобаста аст, ки ба марра расидан чӣ хел хоҳад буд.

Пеш аз анҷом додани ин боб ба он диққат додан лозим аст, ки ифодаҳои «Подшоҳии Осмон» ва «Подшоҳии Худо» дар оятҳои 23 ва 24 ба як маъно истифода мешаванд, пас, ин истилоҳот муродифанд.

### Ж. Оид ба мукофотҳо барои кор дар токзор (20,1-16)

**20,1-2** Ин масал давоми муҳокимаронихо дар охири боби 19 оид ба мукофотҳо буда, ҳақиқати зеринро нишон медиҳад: Вақте ки ҳамаи шогирдони ҳақиқӣ мукофотҳо мегиранд, тартиби мукофотдиҳӣ ба он вобаста хоҳад буд, ки шогирдон ин хизматро дар кадом рӯҳия анҷом медоданд.

Масал тасвири *соҳиби хонаест, ки бомдодон берун рафт, то ки барои* кор дар *токзори худ коргаронро киро кунад*. Ин одамон

розӣ шуданд, ки барои *рӯзе як динор* – музди муътадил барои он замон, кор кунанд. Фарз мекунем, ки онҳо корро соати 6-и пагоҳӣ сар карданд.

**20,3-4** Соати 9-и пагоҳӣ соҳиби хона дар бозор якчанд коргарони бекорро пайдо намуд. Ин дафъа ҳеҷ гуна қарордоди киро кардан баста нашуда буд. Онҳо ба суханони ӯ бовар намуданд, ки *он чи ҳаққи* онҳо *бошад,* ба онҳо хоҳад дод, ва ба кор шуруъ намуданд.

**20,5-7** Нимрӯзӣ ва соати 3-и пас аз нимрӯзӣ соҳиби хона боз одамонеро дар асоси он киро кард, ки ба онҳо аз рӯи адолат музд хоҳад дод. Соати 5-и пас аз нимрӯзӣ вай боз одамони бекорро ёфт. Онҳо танбал набуданд; онҳо кор кардан мехостанд, аммо кор пайдо карда натавонистанд. Барои ҳамин вай оид ба музд маслиҳат накарда, онҳоро ба *токзор* фиристод.

Бояд аҳамият диҳем, ки коргарони аввалин мувофиқи қарордод кор мекарданд; ҳамаи коргарони дигар масъалаи муздро ба ихтиёри соҳиби хона вогузошта буданд.

**20,8** Дар охири рӯз соҳиби хона ба саркори худ фармуд, ки музди коргаронро *аз охирин* кирошудагон сар карда, сипас ба *аввалинҳо* диҳад. Ҳамин тариқ, кирошудагони аввалин он чиро, ки кирошудагони охирин мегирифтанд, медиданд.

**20,9-12** Музди ҳама як хел буд – як динор. Онҳое ки соати 6 омаданд, гумон карданд, ки бештар музд мегиранд, аммо онҳо низ як динор гирифтанд. Онҳо ба шӯр омаданд: Охир, онҳо бисёртар кор карданд ва *гармии рӯзро* паси сар карданд.

**20,13-14** Дар ҷавоби соҳиб ба яке аз онҳо мо дарсҳои ибрати ин масалро пайдо мекунем. Аввалан, ӯ гуфт: *«Эй рафиқ! Ба ту* беинсофӣ накардаам, *оё ту ба як динор бо ман паймон накардӣ? Музди худро гирифта, рав; мехоҳам ба ин охирин мисли ту диҳам».* Аввалинҳо барои ба ивази як динор кор кардан маслиҳат карда буданд ва мувофиқи қарордод музд гирифтанд. Дигарон ба некӯии соҳиби хона умедвор шуданд ва некӯӣ гирифтанд. Марҳамат аз адолат беҳтар аст. Масъалаи мукофотро ба ихтиёри Худованд супурдан беҳтар аз он аст, ки бо Ӯ шартнома бибандӣ.

**20,15** Сипас соҳиби хона гуфт: *«Оё ҳақ надорам, ки бо чизи худ он чи хоҳам, кунам?»* Барои мо дарси ибрат он аст, ки Худо соҳибихтиёр аст. Ӯ ҳар чи хоҳад, карда метавонад. Ва он чи Ӯ мехоҳад, ҳамеша дуруст, одилона ва аз рӯи инсоф аст. Соҳиби хона давом дод: *«Оё аз он ки ман некдил ҳастам, ту ҳасад мебарӣ?»* Ин савол худхоҳона будани табиати инсониро нишон медиҳад. Онҳое ки соати 6-и субҳ омаданд, музди меҳнаташонро пурра гирифтанд, аммо ба он ҳасад мебурданд, ки дигарон камтар кор карда, ҳамон муздро гирифтанд. Бисёр касон тасдиқ мекунанд, ки ин ноодилона метобад. Ин боз як бор онро исбот мекунад, ки дар Подшоҳии Осмон мо бояд тарзи тафаккури тамоман навро қабул намоем. Мо бояд аз рӯҳи бахилӣ ва ҳарифӣ, ки ба мо хос аст, даст кашида, монанди Худованд фикр кунем.

Соҳиби хона медонист, ки ин одамон ба пул эҳтиёҷ доранд, бинобар ин на аз рӯи хасисӣ, балки аз рӯи эҳтиёҷ музд дод. Ҳеҷ кас камтар аз он чи сазовор буд, музд нагирифт, аммо ҳама он қадаре гирифтанд, ки ба онҳо ва оилаҳояшон даркор буд. Чунон ки Ҷеймс Стюарт мегӯяд, дарси ибрат дар он аст, ки «шахсе ки оид ба мукофоти ниҳоӣ савдо карданӣ мешавад, ҳамеша хато мекунад. Сухани охирин бошад ҳамеша ба некӯии дӯстдоронаи Худо тааллуқ хоҳад дошт».[36] Ҳар қадар ки масалро аз ин нуқтаи назар омӯзем, ҳамон қадар бештар дарк менамоем, ки он на танҳо одилона аст, балки ба таври олидараҷа зебост. Онҳое ки соати 6 киро шуда буданд, мебоист имконияти ба ин гуна одами нек тамоми рӯз хизмат карданро талофии иловагӣ меҳисобиданд.

**20,16** Исо масалро бо чунин суханон анҷом дод: *«Пас охиринҳо аввалин мешаванд, ва аввалинҳо – охирин»* (ниг. 19,30). Ҳангоми тақсими мукофотҳо ҳодисаҳои ғайричашмдошт бисёр хоҳанд буд. Баъзе аз онҳое ки *гумон доштанд* аввалин мешаванд, охирин хоҳанд буд, чунки хизматгузории онҳо пур аз рӯҳи кибр ва хоҳишҳои худхоҳона буд. Дигарон, ки аз рӯи муҳаббат ва шукргузорӣ хизматгузорӣ менамуданд, ба шарафи бузург ноил хоҳанд шуд.

*Амалҳоеро, ки мо сазовор медонистем,*
*аммо ҳамагӣ гуноҳ мебошанд,*
*Ӯ ба мо нишон хоҳад дод;*
*Он корҳои хурдеро,*
*ки барои Ӯ карда шудаанд*
*ва мо фаромӯшашон кардем,*
*Ӯ ба мо нишон хоҳад дод.*

Анон

### З. Оид ба марг ва растохези Ӯ (20,17-19)

**20,17-19** Аён аст, ки Худованд Переяро тарк карда, мехост ба воситаи Ариҳо ба Уршалим равад (ниг. ояти 29). Боз ҳам Ӯ *дувоздаҳ шогирдонашро танҳо назди Худ хонд,* то эълон намояд, ки ҳангоми ба Шаҳри Муқаддас омаданашон чӣ хоҳад шуд. Ӯ *ба дасти сардорони коҳинон ва китобдонон супурда мешавад* – ишораи возеҳ ба хиёнати Яҳудо. Сарварони қавми яҳудӣ Ӯро *ба марг* маҳкум мекунанд. Азбаски онҳо ҳуқуқи қатл кардан надоранд, Ӯро *ба ғайрияҳудиён* (румиён) месупоранд. Ӯро масхара карда, тозиёна зада, ба салиб мекашанд. Аммо марг қурбонии худро нигоҳ намедорад – *дар рӯзи сеюм Ӯ бармехезад.*

### И. Оид ба мартаба дар Подшоҳӣ (20,20-28)

Ин тавсифи андӯҳовари табиати инсонист, зеро дарҳол пас аз пешгӯии сеюми Масеҳ оид ба азобҳои даҳшатовари Худ шогирдон аз азобҳои Ӯ дида бештар дар бораи ҷалоли худ фикр мекарданд.

*Пешгӯии якуми Масеҳ оид ба азобҳо боиси мухолифати Петрус шуд (16,22); баъди пешгӯии дуюм саволҳои шогирдон пайдо шуданд: «Кӣ бузургтар аст?» Дар ҳамин ҷо мо пешгӯии сеюмро дармеёбем, ки бо дархости шуҳратпарастонаи Яъқуб ва Юҳанно ба анҷом расида буд. Онҳо якравона аз огоҳкунӣ дар бораи мусибати оянда чашм мепӯшиданд ва танҳо ваъдаи ҷалолро медиданд, зеро дар хусуси Подшоҳии Осмон ақидаи нодурусти материалистӣ доштанд.*

(Қайдҳои ҳаррӯзаи Ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

**20,20-21** *Модари* Яъқуб ва Юҳанно ба назди Исо омада, *илтимос кард,* ки писаронаш дар *Подшоҳии* Ӯ дар ду тарафи Ӯ нишинанд. Шоёни таҳсин аст, ки вай аз Подшоҳииояндаи Ӯ умедашро намеканд ва мехост писаронаш ба Исо наздик бошанд. Аммо вай он принсипҳоеро, ки мувофиқи онҳо дар Подшоҳӣ мукофотҳои шарафнок дода мешаванд, намефаҳмид.

Марқус мегӯяд, ки писарон худашон ин хоҳишро баён карданд (Марқ. 10,35); эҳтимол онҳо инро аз рӯи насиҳати модар карданд ё, шояд, онҳо ҳар се ба назди Худованд омаданд. Ин ҷо ҳеҷ гуна ихтилоф нест.

**20,22** *Исо* кушоду равшан *ҷавоб дод,* ки онҳо намефаҳманд чиро мепурсанд. Онҳо мехостанд тоҷро бе салиб, тахтро бе қурбонгоҳ ва ҷалолро бе ранҷу азоб, ки ба сӯи он мебаранд, дошта бошанд. Бинобар ин Ӯ аз онҳо пурсид: *«Оё метавонед он косаеро, ки ман менӯшам, нӯшед?»* Шубҳае нест, ки Ӯ зери мафҳуми *коса* чиро дар назар дошт. Ӯ ҳозиракак дар оятҳои 18 ва 19 инро маънидод кард. Ӯ бояд азоб кашад ва бимирад.

Яъқуб ва Юҳанно гуфтанд, ки ҳозиранд ҳамроҳи Ӯ азоб кашанд, агарчи, эҳтимол, боварии онҳо на дар дониш, балки дар ғайрат асос ёфта буд.

**20,23** Исо онҳоро бовар кунонд, ки *косаи Ӯро* онҳо ҳатман хоҳанд *нӯшид.* Яъқуб бо азобу шиканҷа кушта мешавад, Юҳанно бошад дучори таъқибот шуда, ба ҷазираи Патмӯс бадарға карда мешавад. Роберт Литл гуфтааст: «Яъқуб ҳамчун риёзаткаш мурд, Юҳанно бошад ҳамчун риёзаткаш мезист».

Сипас Исо ба онҳо фаҳмонд, ки на Ӯ дар Подшоҳӣ мартабаҳои ифтихориро медиҳад: *Падар* асосеро муқаррар намудааст, ки ин ҷойҳо мувофиқи он тақсим карда мешаванд. Онҳо гумон мекарданд, ки ин ба пуштибонии сиёсӣ вобастааст – ба шарофати муносибатҳои наздик бо Исо онҳо метавонистанд ба таври махсус талабгори мартабаҳои баланд шаванд. Аммо ин ба масъалаи ҳусни таваҷҷуҳи шахсӣ алоқамандие надорад. Дар нақшаи илоҳӣ ҷойҳои тарафи росту чап дар асоси азобу машаққатҳои дар роҳи Ӯ кашидашуда дода мешаванд. Ин маънои онро надорад, ки ҷойҳои ифтихории асосӣ танҳо барои масеҳиёни асри якум муқаррар шудаанд. Баъзе аз онҳое ки имрӯзҳо зиндагӣ мекунанд, низ метавонанд онҳоро ба даст оваранд – ба воситаи азобу машаққат.

**20,24** *Ва* чун *он даҳ нафар* шуниданд, ки писарони Забдой чунин талаб изҳор намуданд, *норозӣ шуданд,* эҳтимол, чунки худашон бузургтарин шудан мехостанд. Барои онҳо он чиз аламовар буд, ки Яъқуб ва Юҳанно аввалин шуда хоҳиши худро баён намуданд!

**20,25-27** Ин ба Худованди мо имкон дод, ки оид ба бузургӣ дар Подшоҳии Худ изҳороти инқилобӣ намояд. *Халқҳо* (яъне беимонон) гумон мекунанд, ки онҳо бо фармонравоӣ ва ҳукмронӣ бузург мешаванд. Дар Подшоҳии Масеҳ бузургӣ дар хизматгузорӣ зоҳир

мешавад. Касе ки мартабаи баландро соҳиб шуданист, бояд *хизматгори шумо шавад, ва ҳар кӣ дар байни шумо аввалин будан хоҳад, ғуломи шумо шавад.*

**20,28** Ҳаёти *Писари Одам* намунаи идеалии ин гуна хизмати паст мебошад. Ӯ ба ин ҷаҳон *на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон диҳад.* Мақсади таҷассум ёфтани Ӯро бо чунин суханон хулоса кардан мумкин аст: хизмат кардан ва ато намудан. Ҳайратовар аст, ки Худованди ҷалолёфта Худро то дараҷаи охур ва салиб фурӯтан намуд. Бузургии Ӯ дар умқи фурӯтанияш зоҳир шуда буд. Бо мо низ бояд чунин бошад.

Ӯ ҳаёти Худро *барои фидияи бисёр касон* дод. Марги Ӯ ҳамаи талабҳои одилонаи Худоро нисбат ба гуноҳ қонеъ кард. Он кофӣ буд, ки тамоми гуноҳҳои ҳамаи ҷаҳонро бартараф намояд. Аммо он танҳо барои онҳое қудрат дорад, ки Ӯро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунанд. Оё шумо ҳамин тавр кардед?

### Й. Шифои ду нобино (20,29-34)

**20,29-30** То ин дам Исо аз Перея баромада, Урдунро убур кард, ва ба *Ариҳо* расид. Ҳангоме ки Ӯ аз шаҳр мебаромад, *ду кӯр* ба Ӯ нидо карданд: *«Эй Хоҷа, Писари Довуд! Ба мо марҳамат кун».* Истифодаи унвони *Писари Довуд* маънои онро дорад, ки агарчи онҳо табиатан нобино буданд, биноии рӯҳонии онҳо чунон равшан буд, ки онҳо Масеҳро дар Исо шинохтанд. Онҳо метавонанд бақияи имондори Исроили нобиноро ифода кунанд, ки ҳангоми барои подшоҳӣ баргаштани Исо Ӯро ҳамчун Масеҳ эътироф мекунад (Иш. 35,5; 42,7; Рум. 10,25.26; 2Қур. 3,16; Ваҳй 1,7).

**20,31-34** Одамон онҳоро ба хомӯшӣ маҷбур карданӣ буданд, *лекин онҳо* аз пайи Ӯ *боз ҳам бештар фарёд мезаданд.* Ҳангоме Исо пурсид, ки чӣ мехоҳанд, онҳо саргарми умумиятдиҳӣ нашуданд, чунон ки мо аксаран дар дуоҳоямон мекунем. Онҳо хоҳиши худро возеҳан баён намуданд: *«Эй Хоҷа! Мехоҳем чашмони мо кушода шаванд».* Хоҳиши аниқи онҳо ҷавоби аниқ гирифт. Пас *Исо ба онҳо раҳм карда, ба* чашмҳошон *даст расонд, ва* дарҳол чашмҳошон бино гаштанд, ва онҳо аз паси Ӯ равона шуданд.

Габелин оид ба чашмони онҳоро ламс намудани Исо чунин мушоҳидаи муфиде мекунад:

*Мо ҳанӯз пеш аз ин оид ба маънои махсуси шифо ба воситаи ламс дар Инҷил фаҳмидем. Ҳар боре ки Худованд ба воситаи ламс шифо медиҳад, ин ба мо ҳузури шахсии Ӯро дар замин ва муносибати раҳмдилонаашро ба Исроил хотиррасон менамояд. Ҳангоме ки Ӯ ба василаи сухани Худ, бе ҳузури шахсӣ шифо медиҳад «Ӯ бо имон ламс карда мешавад, ин ба он замоне ишора мекунад, ки Ӯ аллакай дар замин нахоҳад буд ва ғайрияҳудиёне ки бо имон ба назди Ӯ меоянд, аз Ӯ шифо ба даст меоваранд».*[37]

Ҳангоми бо Марқус 10,46-52 ва Луқо 18,35-43 ва 19,1 мутобиқ намудани тасвири ин воқеа, ки Матто ба қалам додааст, душвориҳо ба миён меоянд. Ин ҷо дар бораи *ду* кӯр сухан меравад; дар Марқус ва Луқо танҳо *як* нафар зикр мешавад. Тахмине ҳаст, ки Марқус ва Луқо шахси номаш маълумро (Бартимай) зикр кардаанд, аммо Матто, ки Инҷили Худро махсус барои яҳудиён навишта буд, ду нафарро ҳамчун адади камтарин барои ҳаққонӣ будани шаҳодат зикр мекунад (2Қур. 13,1). Дар Марқус ва Матто гуфта шудааст, ки ин ҳодиса вақти аз Ариҳо баромадани Исо рух дод; дар Луқо гуфта шудааст, ки ин воқеа ҳангоми ба шаҳр наздик шудани Исо ба амал омад. Дар асл ду Ариҳо буд; Ариҳои кӯҳна ва нав; ва муъҷизаи шифоёбӣ, аз афташ он вақте рӯй дод, ки Исо аз яке баромада ба дигаре ворид мешуд.

## XII. МУАРРИФӢ ВА РАД ШУДАНИ ПОДШОҲ (Б. 21–23)

### А. Воридшавии ботантана (21,1-11)

**21,1-3** Аз Ариҳо баромада, Исо ба доманаи шарқии *кӯҳи Зайтун,* ки он ҷо Байт-Анё ва *Байт-Фоҷӣ* воқеъ буданд, наздик шуд. Аз он ҷой роҳ қад-қади доманаи ҷанубии кӯҳи Зайтун тӯл кашида, ба водии Еҳушофот медаромад, ва аз ҷӯйи Қидрӯн гузашта, ба боло ба сӯи *Уршалим* мебаромад.

Исо *ду шогирдро* ба Байт-Анё *фиристод* ва пешакӣ донист, ки онҳо *дар он ҷой модахареро* баста хоҳанд ёфт, *ки куррааш назди вай аст.* Онҳо мебоист ин ҳайвонҳоро аз банд кушода ба назди Исо *меоварданд.* Агар касе

мепурсид, ки онҳо чӣ кор мекунанд, онҳо бояд ҷавоб медоданд, ки ин ҳайвонҳо ба *Худованд* даркоранд. Он гоҳ соҳиби онҳо розӣ хоҳад шуд. Эҳтимол, соҳиби он ҳайвонҳо Исоро мешинохт ва пештар ёрии худро ба Ӯ пешниҳод карда буд. Ё ин воқеа мебоист ҳамадонӣ ва ҳокимияти баҳснопазири Худовандро нишон медод. Ҳама чиз ҳамон тавре ки Исо гуфта буд, воқеъ шуд.

**21,4-5** Ба назди Худ овардани ҳайвонҳоро талаб кардани Исо иҷрои пешгӯии Ишаъё ва Закарё буд: *«Ба духтари Сион бигӯед: Инак, Подшоҳи ту бар харе, бар курраи бачаи модахар савор шуда, бо фурӯтанӣ назди ту меояд»*.

**21,6** Пас аз он ки шогирдон либосҳои худро бар ҳайвонҳо афкарданд, Исо ба курра савор шуд (Марқ. 11,7) ва ба сӯи Уршалим равона шуд. Ин лаҳзаи таърихӣ буд. Мувофиқи ҳисоббарориҳои сэр Роберт Андерсон шасту нӯҳ ҳафтсолаи пешгӯии Дониёл акнун гузаштанд (ниг. ҳисоботҳои ӯ китобаш «The Coming Prince»). Пас аз ин Масеҳ кушта хоҳад шуд (Дон. 9,26).

Ҳамин гуна ба Уршалим ворид шуда, Худованд Исо рӯйрост изҳор намуд, ки Ӯ Масеҳ аст. Ланге менависад:

*Ӯ, амалан, пешгӯиеро иҷро намуд, ки дар замони Ӯ якдилона ҳамчун оид ба Масеҳ маънидод шуда буд. Агар пеш аз ин Ӯ эълон намудани мартабаи Худро хатарнок меҳисобида бошад, акнун Ӯ хомӯширо номумкин мешуморад ... Пас аз ин наметавон гуфт, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ дар бораи мартабаи Худ комилан аниқ изҳор накарда буд. Вақте ки дертар Уршалим дар қатли Масеҳ айбдор карда мешавад, он гуфта наметавонад, ки Масеҳ аломати ба ҳама маълумро нишон надод.*[38]

**21,7-8** Худованд ба шаҳр рӯ-рӯи қолине аз *ҷомаҳо* ва *шохаҳои* нахл, зери нидоҳои мардум, ки дар гӯшҳои Ӯ садо медоданд, ворид шуд. Ба як муддати кӯтоҳ Ӯ Подшоҳ эътироф карда шуд.

**21,9** Мардум нидо мекарданд: *«Ҳӯшионо ба Писари Довуд! Муборак аст Он, ки ба номи Худованд меояд»*. Ин иқтибос аз Забур 117,25.26 аниқ ба омадани Масеҳ дахл дорад. *«Ҳӯшионо»* дар асл маънои «ҳозир наҷот деҳ»-ро дорад; эҳтимол, мардум гуфтан мехостанд: «Моро аз истисморгарони румӣ наҷот деҳ». Дертар ин сухан ибораи нидоии таъриф шуд. Калимаҳои *«Писари Довуд»* ва *«Муборак аст Он, ки ба номи Худованд меояд»* возеҳан нишон медиҳанд, ки Исоро ҳамчун Масеҳ эътироф мекарданд. Ӯ Он Муборак аст, ки мувофиқи иродаи Яҳува меояд, то ки иродаи Ӯро ба амал оварад.

Марқус дар нақли худ чунин суханонро ҳамчун нидои мардум менависад: «Муборак аст Подшоҳии падари мо Довуд, ки ба номи Худованд меояд!» (Марқ. 11,10). Он ифодакунандаи орзуи халқ мебошад, ки ба ҳамин қарибӣ Масеҳи дар тахти Довуд нишаста, Подшоҳиро барпо мекунад. Бо нидои *«Ҳӯшионо дар арши аъло»* мардум даъват менамуданд, ки осмон ба замин ҳамроҳ шуда, Масеҳро ҷалол диҳад, ва шояд ба Ӯ бо хоҳише муроҷиат мекарданд, ки аз арши аъло наҷот фиристад.

Марқус 11,11 шаҳодат медиҳад, ки ба Уршалим омада, Исо ба парастишгоҳ ворид шуд; на ба даруни парастишгоҳ, балки ба ҳавлӣ. Шояд, ин хонаи Худо буд, аммо Ӯ дар ин парастишгоҳ дар хонаи Худ набуд, чунки коҳинон ва мардум ба Ӯ ҷойи муносиб пешниҳод кардан нахостанд. Пас аз муоинаи кӯтоҳи парастишгоҳ Наҷотдиҳанда ҳамроҳи дувоздаҳ нафар ба Байт-Анё равона шуд. Ин бегоҳии рӯзи якшанбе воқеъ шуд.

**21,10-11** Ин вақт тамоми *шаҳр* барои донистани кӣ будани Ӯ дар ҳаракат буд. Ба онҳое ки оид ба Ӯ савол медоданд, танҳо ҷавоб медоданд, ки ин аст Исои пайғамбар аз Носираи Ҷалил. Аз ин бармеояд, ки на ҳама ҳақиқатан фаҳмиданд, ки Ӯ Масеҳ аст. Ҳафтае нагузашта ин тӯдаи ноустувор фарёд хоҳад зад: «Ӯро ба салиб каш! Ӯро ба салиб каш!»

## Б. Пок кардани парастишгоҳ (21,12-13)

**21,12** Дар ибтидои хизматгузории ошкорои Худ Исо савдогаронро аз ҳудуди парастишгоҳ ронд (Юҳ. 2,13-16). Аммо ба хотири нафъи зиёд ҳаннотӣ аз нав дар ҳавлии берунии парастишгоҳ сар шуд. Ҳайвонот ва парандагон барои қурбонӣ бо нархҳои беҳад зиёд фурӯхта мешуданд. *Саррофон* нимсиқлҳоро, ки яҳудиён мебоист андози парастишгоҳро бо онҳо месупориданд, дар ивази пули зиёд иваз мекарданд. Акнун, ҳангоме ки хизматгузории Исо ба охир мерасид, Ӯ боз онҳоеро, ки дар корҳои муқаддас ва маросимҳои динӣ сарват ба даст овардани буданд, *пеш кард*.

**21,13** Иқтибосҳоро аз Ишаъё ва аз Ирмиё муттаҳид намуда, Ӯ нопоккунӣ, чашмгуруснагӣ ва дабдабнокиро маҳкум намуд. Ишаъё 56,7-ро иқтибос оварда, Ӯ ба онҳо хотиррасон кард, ки Худо муқаррар намудааст, то ин парастишгоҳ *хонаи дуо* бошад. Аммо онҳо онро *дуздхона* кардаанд (Ирм. 7,11).

Пок кардани парастишгоҳ амали аввалини расмии Ӯ баъди ба Уршалим омаданаш буд. Бо ин рафтор Ӯ ҳуқуқи Соҳиби парастишгоҳ будани Худро равшан изҳор намуд.

Имрӯзҳо ин воқеа барои мо маънои дутарафа дорад. Мо муҳтоҷи онем, ки Ӯ ҳаёти калисоии моро аз бозорҳо, зиёфатҳо ва бисёр воситаҳои дигари сарватғундорӣ пок кунад. Ҳаёти шахсии мо низ ба кори поккунандаи Худованд дар бадани мо, ки маъбади Рӯҳулқудс аст, муҳтоҷ аст.

## В. Ғазаби коҳинон ва китобдонон (21,14-17)

**21,14** Дар мавриди дигар мо Худовандамонро дар ҳавлии парастишгоҳ машғули шифо додани *кӯрон ва лангон* мебинем. Ӯ ба ҳар ҷое ки равад, муҳтоҷонро ба Худ ҷалб менамуд, ва ҳеҷ гоҳ бе он ки эҳтиёҷашонро қонеъ гардонад, онҳоро барнамегардонд.

**21,15-16** Аммо чашмони бадхоҳон дар ҳама ҷо Ӯро мушоҳида менамуданд. Ва ҳангоме ки ин *коҳинон ва китобдонон* диданд, ки кӯдакон Исоро ба ҳайси *Писари Довуд* пешвоз мегиранд, онҳо ба хашм омаданд.

Онҳо гуфтанд: *«Оё Ту мешунавӣ, ки онҳо чӣ мегӯянд?»* – гӯё интизори он буданд, ки Ӯ Масеҳ номидани Ӯро ба кӯдакон манъ мекунад! Агар Исо Масеҳ набошад, пас ҳозир вақти муносиб аст, то дар ин хусус як дафъа ва ба ҳама якбора бигӯяд. Аммо ҷавоби Ӯ тасдиқ кард, ки кӯдакон ҳақ буданд. Ӯ Забур 8,3-ро аз Септуагинта иқтибос овард: *«Аз даҳони кӯдакон ва ширмакон ситоишро ба вуҷуд овардаӣ»*. Азбаски коҳинон ва китобдонон, ки бомаърифат ҳисобида мешуданд, Ӯро ҳамчун Масеҳи Худо ҷалол надоданд, пас ба Худованд мебоист кӯдакон саҷда менамуданд. Кӯдакон бисёр вақт на мувофиқи синну сол биноии рӯҳонии возеҳ доранд, ва суханони имон ва муҳаббати онҳо ба номи Худованд ҷалоли ғайриодӣ меоваранд.

**21,17** Пешвоёни динро дар андеша оид ба ин ҳақиқат тарк намуда, Исо ба *Байт-Анё* баргашт ва шабро дар он ҷо гузаронд.

## Г. Дарахти анҷири хушкшуда (21,18-22)

**21,18-19** Бомдодон, ҳангоми ба Уршалим баргаштан Худованд дарахти анҷире дида, ба назди он рафт, то бар он мева пайдо карда, гуруснагиашро рафъ намояд. Ва ғайр аз баргҳо, чизе бар он наёфта, Ӯ *гуфт: «Пас аз ин то абад меваe аз ту нарӯяд». Ва ҳамон дам дарахти анҷир хушк шуд*.

Марқус 11,12-14 ин ҷо илова менамояд, ки ҳанӯз мавсими ҷамъоварии анҷир фаро нарасида буд. Бинобар ин дарахтро ба сабаби бар он набудани анҷир лаънат хондан Наҷотдиҳандаро бемулоҳиза ва бетоқат нишон дода метавонад. Бо донистани он ки ин тавр буда наметавонад, ин вазъияти душворро чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст?

Дарахти анҷир дар кишварҳои Навиштаи Муқаддас ҳанӯз то баргкунӣ меваҳои хӯрданӣ ба бор меовард. Ин хабаррасонии пешакии ҳосили маъмулӣ буд. Агар, чун дар мавриди додашуда, анҷири барвақтӣ пайдо нашуда бошад, пас одатан ҳосили маъмулӣ ҳам намешавад.

Ин ягона мӯъҷизаест, ки Исо дар он на баракат дод, балки лаънат хонд, ҳаётро на барқарор кард, балки барҳам дод. Ана ҳамин чиз боиси душворӣ гардид. Ин гуна танқид далели надонистани шахсияти Масеҳ аст. Ӯ Худост, Фармонравои олам. Баъзе амалҳои Ӯ барои мо сирр мебошанд, аммо мо бояд онро ба асос гирем, ки ҳамаи амалҳои Ӯ дурустанд. Дар мавриди додашуда Худованд медонист, ки ин дарахти анҷир ҳеҷ гоҳ ҳосил намедиҳад, ва бо он чун соҳиби боғ, ки дарахти беҳосилро меканад, рафтор намуд.

Ҳатто онҳое ки Худованди моро барои лаънат кардани дарахти анҷир танқид мекунанд, рамзӣ будани ин амалро эътироф мекунанд. Ин воқеа маънидодкунии он пешвозгирии нохубе буд, ки ба қарибӣ дар Уршалим барои Ӯ воқеъ шуд. Дарахти анҷир низ, дар баробари май ва дарахти зайтун, ифодагари халқи Исроил аст. Ҳангоме ки Исо ба назди халқи Худ омад, баргҳоеро дид, ки нишондиҳандаи эътирофи рӯякӣ буданд, аммо самаре барои Худо набуд. Исо аз халқ интизори самар буд.

Азбаски меваҳои барвақтӣ набуданд, Ӯ медонист, ки аз ин халқи нобовар ҳосили баъдина ҳам намешавад, ва бинобар ин дарахти анҷирро лаънат кард. Ин намоиши пешакии он ҷазое буд, ки соли 70-уми милодӣ ба сари халқ фурӯ мерезад.

Мо бояд дар хотир дорем, ки дар ҳоле ки Исроили *беимон* ба таври доимӣ бесамар мемонад, *бақияи* халқ баъди ба осмон гирифта шудани ҷамоат назди Масеҳи худ бозгашт хоҳад кард. Онҳо дар давраи мусибати бузург ва дар Подшоҳии Ҳазорсола ба Ӯ самар хоҳанд овард.

Агарчи тафсири асосии ин порча ба халқи Исроил дахл дорад, онро нисбати тамоми одамони ҳамаи асрҳо, ки бисёр мегӯянду кам амал мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

**21,20-22** Ҳангоме ки шогирдон дарахти банохост хушкшударо дида, ҳайрон шуданд, Худованд гуфт, ки агар онҳо *имон* медоштанд, корҳои аз ин бештарро ба амал оварда метавонистанд. Масалан, онҳо метавонистанд ба кӯҳ гӯянд: *«Бархоста, худро ба баҳр афкан»,* ҳамин тавр мешуд. *«Ва ҳар он чи дар дуо бо имон хоҳиш кунед, ба даст меоваред».*

Боз ҳам бояд тавзеҳ диҳем, ки ин ваъдаҳо оид ба дуоро, ки бечуну чаро менамоянд, аз нуқтаи назари тамоми таълимоти Навиштаи Муқаддас оид ба ин масъала бояд фаҳмид. Ояти 22 он маъноро надорад, ки ҳар кадом масеҳӣ метавонад чизи ба хотираш меомадаро талаб кунад, ва интизори иҷро шудани хоҳишаш бошад. Вай бояд мувофиқи шартҳои дар Навиштаи Муқаддас гузошташуда дуо гӯяд.

## Ғ. Аз Исо дар бораи қудраташ мепурсанд (21,23-27)

**21,23** Ҳангоме ки Исо ба ҳавлии берунии *маъбад* омада таълим медод, *коҳинон ва китобдонон* таълими Ӯро бурида, пурсиданд, ки *ҳуқуқи* таълим додан, муъҷиза нишон додан ва пок кардани парастишгоҳро ба Ӯ кӣ додааст. Онҳо, новобаста ба он ки Ӯ чӣ ҷавоб медиҳад, мехостанд Ӯро ба даст афтонанд. Агар Ӯ гӯяд, ки ҳамчун Писари Худо қудратро дар Худ дорад, онҳо Ӯро дар куфр айбдор мекарданд. Агар Ӯ гӯяд, ки қудрати Ӯ аз одамон аст, онҳо ҷавоби Ӯро зери шубҳа мегузоштанд. Агар Ӯ гӯяд, ки қудрати Ӯ аз ҷониби Худост, онҳо исботеро талаб мекарданд. Онҳо худро посбонони имон, мутахассисоне мепиндоштанд, ки ба воситаи маълумоташон ва даъвати инсонӣ вазифадоранд ба ҳаёти динии мардум роҳбарӣ кунанд. Исо маълумоти расмии илоҳиётшиносӣ надошт ва роҳбарони яҳудӣ Ӯро эҳтиром накарданд. Саволи онҳо нафрати диндорони касбиро ба шахсоне ки қудрати тадҳини муқаддасро доранд, ифода мекард.

**21,24-25** Исо ба онҳо ваъда дод, ки қудрати Худро мефаҳмонад, агар онҳо ба савол ҷавоб диҳанд: *«Таъмиди Яҳё аз куҷо буд, аз осмон ё аз одамон?»* Ин ҷо таъмиди Яҳёро ҳамчун тамоми хизматгузории Яҳё бояд фаҳмид. Барои ҳамин ҳам савол чунин буд: «Кӣ ба Яҳё қудрат дод, то хизматгузориашро ба ҷо оварад? Оё ба хизмат вазифадор шудани Ӯ аз одамон буд ё аз Худо? Вай аз роҳбарони исроилӣ кадом ваколатномаҳо дошт?» Ҷавоб равшан буд: «Яҳё шахсе буд, ки вайро Худо фиристод». Қувваи вай на аз таҳсину тасвиби инсонӣ, балки аз *ваколати* илоҳӣ дарак медод.

Коҳинон ва пирон ба вазъияти душвор афтоданд. Агар онҳо эътироф намоянд, ки Яҳёро Худо фиристодааст, ба дом меафтиданд. Яҳё Исоро ба одамон ҳамчун Масеҳ муаррифӣ намуда буд. Агар Яҳё аз Худо қудрат дошта бошад, пас чаро онҳо тавба накарданд ва ба Масеҳ *имон наоварданд?*

**21,26** Агар онҳо гӯянд, ки Яҳё фиристодаи Худо набуд, пас мардум, ки аксаран Яҳёро ҳамчун *пайғамбар* эътироф менамуданд, ба онҳо механдиданд. Агар онҳо розӣ мешуданд, ки Яҳё фиристодаи Худост, лозим меомад, ки ба саволи худ ҷавоб диҳанд: Исо Масеҳ буд, ки Яҳё саромади Ӯ буд.

**21,27** Аммо онҳо ин ҳақиқатро қабул кардан намехостанд ва бинобар ин гуфтанд, ки намедонанд. Онҳо сарчашмаи қувваи Яҳёро номбар карда наметавонистанд. Исо гуфт: *«Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки бо кадом ҳуқуқ ин корро мекунам».* Чаро Ӯ бояд ба онҳо он чиро гӯяд, ки онҳо аллакай медонистанд, аммо қабул кардан намехостанд?

## Д. Масал дар бораи ду фарзанд (21,28-32)

**21,28-30** Ин масал сарзаниши сахтест ба саркоҳинон ва китобдонон барои он ки ба даъвати Яҳё оид ба тавба кардан ва имон овардан гӯш надоданд. Он дар бораи шахсест, ки

аз писаронаш хоҳиш кард, то *дар токзор кор кунанд.* Яке рад кард, аммо баъд қарори худро дигар карда, ба кор рафт. Дигаре розӣ шуд, аммо нарафт.

**21,31-32** Ба саволи *«Кадом аз ин ду нафар хоҳиши падарро ба ҷо овард?»* Роҳбарони динӣ, нохост худро айбдор намуда, гуфтанд: *«Якумӣ».*

Худованд масалро тафсир намуд. *Боҷгирон ва фоҳишагонро* Ӯ ба писари якум монанд мекунад. Онҳо вонамуд намекарданд, ки тайёранд фавран ба Яҳёи Таъмиддиҳанда итоат кунанд, аммо дар охир бисёри онҳо тавба карданд ва ба Исо бовар карданд. Роҳбарони динӣ ба писари дуюм монанд буданд. Онҳо мегуфтанд, ки мавъизаи Яҳёро маъқул медонанд, аммо ҳеҷ гоҳ аз гуноҳҳояшон тавба накарданд ва ба Исо бовар накарданд. Бинобар ин, гуноҳкорони аз ҷамъият рондашуда ба Подшоҳии Худо медароянд, аммо роҳбарони динии худписанд берун аз он мемонанд. Имрӯзҳо айнан ҳамон чиз шуда истодааст. Назар ба онҳое ки дар паси ҷилои зоҳирии парҳезгории бардурӯғ паноҳ мешаванд, гуноҳкорон Хушхабарро бо омодагии бештаре қабул менамоянд.

Ҷумлаи *«Яҳё назди шумо бо роҳи росткорӣ омад»* ҳаминро ифода мекунад, ки ӯ барои он омад, то зарурати росткорӣ ба воситаи тавба ва имонро мавъиза намояд.

### Е. Масал оид ба токдорони бадкор (21,33-46)

**21,33-39** Сипас, ба савол оид ба қудрат ҷавоб дода, Исо масалеро дар бораи соҳиби хонае нақл кард, ки *ток шинонд, деворе гирдаш кашид, чархуште дар он сохт, бурҷе барпо кард ва онро ба токдорон супурду ба кишвари дурдасте ба сафар рафт.* Ҳангоми ҷамъоварии меваи ангур ӯ *хизматгорони худро назди токдорон фиристод, то ки меваи худро гирад, аммо токдорон хизматгорони ӯро гирифта, баъзеро заданд, баъзеро куштанд ва баъзеро сангборон карданд.* Вақте ки ӯ хизматгорони дигарро фиристод, бо онҳо низ ҳамон гуна рафтор намуданд. Дафъаи сеюм ӯ писари худро назди онҳо фиристод ва гумон дошт, ки онҳо аз вай шарм хоҳанд дошт. Чун онҳо аниқ медонистанд, ки вай вориси соҳиби хона аст, ӯро куштанд, зеро мехостанд соҳиби мероси ӯ шаванд.

**21,40-41** Худованд аз коҳинон ва китобдонон пурсид, ки соҳиби хона бо он токдорон чӣ хоҳад кард. Онҳо ҷавоб доданд: *«Он бадкоронро бо сахтӣ нобуд карда, токзорро ба токдорони дигаре месупорад, ки меваро дар мавсимаш ба ӯ диҳанд».*

Ин масалро маънидод кардан душвор нест. Худо – соҳиби хона аст. Исроил – токзор (ниг. Заб. 79,9; Иш. 5,1-7; Ирм. 2,21). Девор – шариати Мусо мебошад, ки Исроилро аз бутпарастон ҷудо мекард ва ҳамчун халқи интихобшудаи Худо нигоҳ медошт. Чархушт – истиора барои ифодаи меваҳоест, ки Исроил мебоист баҳри Худо меовард. Бурҷ – ишора ба ғамхории ҳушёронаи Худо барои халқи Худ аст. Токдорон – саркоҳинон ва китобдорон мебошанд.

Худо борҳо ба назди халқи Исроил хизматгорони Худро, пайғамбаронро фиристода, аз токзор меваҳои мушоракат, покӣ ва муҳаббатро интизор буд. Аммо халқ пайғамбаронро таъқиб мекард, ва баъзеашонро кушт. Дар охир Худо Писари Худро фиристода, гуфт: «Аз Писари Ман шарм хоҳанд дошт» (ояти 37). Саркоҳинон ва китобдонон гуфтанд: «Ин ворис аст», – эътирофи ногузир. Онҳо пинҳонӣ розӣ шуданд, ки Исо Писари Худо буд (агарчи дар назди халқ инро инкор мекарданд) ва, ба ҳамин тариқ, худашон ба савол оид ба қудрати Ӯ ҷавоб медоданд. Қудрати Ӯ аз он бармеомад, ки Ӯ Худо Писар буд.

Дар масал ба онҳо ишора ҳаст, ки мегӯянд: «Ин ворис аст, биёед, вайро кушем ва соҳиби мерос шавем» (ояти 38). Дар ҳаёти ҳақиқӣ онҳо мегуфтанд: «Агар Ӯро ҳамин тавр монем, ҳама ба Ӯ имон меоваранд, ва румиён омада, кишвар ва халқи моро мегиранд» (ниг. Юҳ. 11,48). Инак, онҳо Ӯро рад намуданд, бадар ронданд ва ба салиб кашиданд.

**21,42** Ҳангоме Наҷотдиҳанда аз саркоҳинон ва китобдонон пурсид, ки соҳиби хона чӣ хоҳад кард, ҷавобашон онҳоро маҳкум кард, чунон ки Ӯ дар оятҳои 42 ва 43 нишон медиҳад. Ӯ суханони Забур 117,22-ро иқтибос овард: *«Санге ки меъморон рад карданд, санги сари гӯшаи бино гардид: ин аз ҷониби Худованд шуд ва дар назари мо ҳайратангез аст».* Вақте ки Масеҳ, Санг, худро ба меъморон – сарварони Исроил – аён намуд, онҳо дар нақшаҳои меъмории худ барои Ӯ ҷой наёфтанд. Онҳо онро ҳамчун нодаркор партофтанд. Аммо пас

аз марги Худ Ӯ зинда шуд, ва Худо ба Ӯ мақоми афзалиятнок дод. Ӯ дар бинои Худо санги муҳимтарин гардид: *«Бинобар ин Худо низ Ӯро бисёр сарафроз кард ва ба Ӯ номе дод, ки аз ҳар ном болотар аст»* (Фил. 2,9).

**21,43** Он гоҳ Исо рӯйрост эълон намуд, ки *Подшоҳии Худо* аз Исроил *гирифта, ба халқе дода мешавад, ки меваи онро биёрад.* Ҳамин тавр ҳам шуд. Исроил, ҳамчун халқи интихобшуда, рад карда шуд ва ҳаққонӣ ба нобиноӣ маҳкум гардид. Халқе ки Масеҳи худро рад кард, сахтдил гардид. Пешгӯӣ оид ба он ки *Подшоҳии Худо ба халқе дода мешавад, ки меваи онро биёрад,* ба ду гурӯҳ дахлдор карда мешавад: 1) ба Калисо, ки аз яҳудиён ва ғайрияҳудиёни имоноварда иборат аст, «халқи муқаддас, қавми хоси Худо ҳастанд» (1Пет. 2,9) ё ин ки 2) ба қисми боваркардаи Исроил, ки дар замони омадани дуюми Масеҳ хоҳад зист. Исроили бозхаридшуда барои Худо мева хоҳад овард.

**21,44** *«Ҳар кӣ ба ин санг афтад, пора-пора мешавад, ва агар он бар касе афтад, вайро гард-гард мекунад».* Дар қисми аввали оят санг дар замин аст; дар қисми дуюм он аз баландӣ меафтад. Ин ҷо ду омадани Масеҳ дар назар дошта шудаанд. Ҳангоме ки Ӯ бори аввал омад, роҳбарони яҳудӣ бар Ӯ пешпо хӯрданд, ва пора-пора шуданд. Вақте ки Ӯ боз меояд, душманони Худро ҷазо дода, чун гард парешон хоҳад кард.

**21,45-46** Саркоҳинон ва китобдонон фаҳмиданд, ки ин *масалҳо* бар зидди онҳо дар ҷавоб ба саволашон оид ба қудрате ки Масеҳ дорад, равона шуда буданд. Онҳо ҳозир буданд, ки ҳамон дам Ӯро дастгир кунанд, *лекин аз мардум тарсиданд,* ки ҳанӯз *Ӯро пайғамбар медонистанд.*

## Ё. Масал оид ба тӯйи арӯсӣ (22,1-14)

**22,1-6** Исо сухангӯии Худро бо саркоҳинон ва китобдонон ба анҷом нарасонд. Ӯ боз дар масал оид ба *базми арӯсӣ* Исроили дӯстдоштаро ҳамчун радшуда тасвир намуд, ғайрияҳудиёни манфурро бошад – ҳамчун меҳмонон дар сари дастурхони базми арӯсӣ. *Ӯ Подшоҳии Осмонро ба подшоҳе* монанд кард, *ки барои писари худ базми арӯсӣ барпо кард.* Даъвати меҳмонон дар ду марҳила мегузашт. Даъвати аввалини пешакӣ, ки аз тарафи хизматгорон шахсан анҷом ёфт, рад карда шуд. Даъвати дуюм вақте воқеъ шуд, ки базми арӯсӣ аллакай тайёр буд. Онро низ баъзе касоне ки дар фермаҳои худ ва дар соҳибкорӣ ниҳоят банд буданд, бо нафрат рад карданд. Дигарон бошанд, бо истифодаи қувва, хизматгорони даъваткунандаро *гирифта,* таҳқир карданд ва *куштанд.*

**22,7-10** *Подшоҳ* чунон *хашмгин шуд,* ки *сарбозони худро фиристода, он кушандагонро нобуд намуд ва шаҳрашонро оташ зад.* Рӯйхати аввалини меҳмононро партофта, ӯ даъватномаи дигаре дарҷ намуд, ки барои ҳамаи хоҳишмандон умумӣ буд. Ин дафъа дар *базми арӯсӣ* ягон ҷойи холӣ набуд.

**22,11-13** Аммо дар байни меҳмонон *шахсе* буд, *ки ҷома барои базми арӯсӣ дар бар* надошт. Ҳангоме аз вай пурсиданд, ки чаро бе либоси муносиб омадааст, *вай хомӯш монд.* Подшоҳ ба хизматгоронаш фармуд, ки вайро ба торикии шаб партоянд, ки *дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон мешавад.* Хизматгорон дар ояти 13 ва ғуломон дар ояти 3 як нестанд.

**22,14** Масалро ба анҷом расонида, Худованди мо чунин хулоса намуд: *«Зеро ки даъватшудагон бисёранд, аммо интихобшудагон – кам».*

Маънои ин масал чунин аст: подшоҳ – Худост ва Писари Ӯ Худованд Исо мебошад. Базми арӯсӣ – тасвири муносиби хурсандии никоҳ аст, ки Подшоҳии Осмонро тавсиф медиҳад. Калисоро дар он ҳамчун Арӯси Масеҳ қаламдод намудан манзараро ба таври нодаркор мураккаб мегардонад. Фикри асосии масал – дур карда шудани Исроил аст, на даъвати махсус ва тақдири Калисо.

Марҳилаи аввали даъват Яҳёи Таъмиддиҳанда ва дувоздаҳ шогирдонро тасвир мекунад, ки Исроилро некхоҳона ба базми арӯсӣ даъват мекунанд. Аммо халқ даъватро қабул кардан нахост. Суханони «онҳо нахостанд биёянд» (ояти 3) ҳангоми ба салиб кашидан ба авҷи аълои худ расиданд.

Марҳилаи дуюми даъват ба яҳудиён расонидани Хушхабарро ифода мекунад, ки дар китоби Аъмол тасвир шудааст. Баъзеҳо ба ин хабар бо нафрат муносибат намуданд. Дигарон бо зӯроварӣ ба он ҷавоб доданд: Бисёрии расулон бо ранҷу азоб кушта шуданд.

Подшоҳ бар Исроил ҳаққонӣ хашмгин шуда, «сарбозони Худ»-ро, яъне Титус ва

легионҳои румиро фиристод, то ки дар соли 70-уми милодӣ Уршалим ва қисми зиёди аҳолии онро нобуд кунанд. Онҳо ба он маъно «сарбозони Ӯ» буданд, ки ҳамчун олати ҷазо додани Исроил хизмат карданд. Расман онҳо аз они Ӯ буданд, агарчи Ӯро шахсан намешинохтанд.

Акнун Исроил, ҳамчун халқ, дур карда шуда, Хушхабар ба ғайрияҳудиён равона карда шудааст: ҳам ба хубҳо ва ҳам ба бадҳо, яъне дорои ҳамаи дараҷаҳои покдилӣ (Аъм. 13,45.46; 28,28). Аммо ҳақиқӣ будани ҳар шахсе ки ба даъват гӯш андохтааст, санҷида хоҳад шуд. Шахсе ки либос барои базми арӯсӣ дар бар надошт – онест, ки ба қавлаш, барои Подшоҳӣ тайёр шудааст, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ либоси илоҳии росткорӣ дар Исои Масеҳро (2Қур. 5,21) дар бар накарда буд. Ҳақиқатан, барои шахсе ки либос барои базми арӯсӣ надорад, узре набуд ва нест. Чунон ки Райрӣ зикр мекунад, дар он замон одате буд, ки ба меҳмонон либос медоданд, агар онро надошта бошанд. Ин шахс, аз афташ, либоси пешниҳодшударо дар бар накард. Ҳангоме аз вай мепурсанд, ки оё барои ба Подшоҳӣ даромадан ҳақ дорад ё не, вай хомӯш аст, чунки Масеҳро надорад (Рум. 3,19). Сазои вай – торикии берун мебошад, ки он ҷо гиря ва ғиҷирроси дандон аст. Гиря онро дар назар дорад, ки дар дӯзах азоб мекашанд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ғиҷирроси дандон нафрат ва исёни давомдоштаро бар зидди Худо ифода мекунад. Агар чунин бошад, пас тасаввуроте рад мегардад, ки оташи дӯзах таъсири поккунанда дорад.

Ояти 14 ба тамоми масал дахл дорад, на ба воқеаи шахсе ки либос барои базми арӯсӣ надошт. *Даъватшудагон бисёранд,* яъне Хушхабар ба бисёриҳо расонида мешавад. *Аммо интихобшудагон каманд.* Баъзеҳо даъватро қабул намекунанд, ва ҳатто байни онҳое ки инро қабул мекунанд, баъзеҳо эътирофкунандаи барғалат мебароянд. Ба ҳар ҳол, онҳое ки ба даъвати Хушхабар ҳақиқатан гӯш меандозанд, интихобшудагон мебошанд. Ягона роҳе ки ба шахс имкон медиҳад, то бигӯяд, ки баргузида аст ё не, муносибаташ бо Худованд Масеҳ мебошад: вай бо Худованд Исои Масеҳ чӣ мекунад. Чунон ки Ҷеннингс гуфтааст: «Ҳама даъват шудаанд, то дар базм хурсандӣ кунанд, аммо на ҳама мехоҳанд ба Атокунанда бовар кунанд, ки барояшон либосҳои муносиби базмро медиҳад».

## Ж. Пардохти андоз ба қайсар ва ба Худо (22,15-22)

Боби 22 – боби саволҳоест, ки бо ёрии онҳо се гурӯҳи гуногун Писари Худоро ба даст афтонданӣ буданд.

**22,15** Ин ҷо мо оид ба васваса аз ҷониби *фарисиён* ва *ҳиродиён* мехонем. Ин ду ҳизб душманони ашаддии якдигар буданд, аммо онҳоро муваққатан нафрати умумӣ ба Наҷотдиҳанда муттаҳид намуд. Мақсади онҳо он буд, ки Масеҳро маҷбур кунанд, то изҳороти сиёсӣ кунад, ки натиҷаҳои хатарнок дошт. Онҳо аз ихтилофи ақидаи яҳудиён дар мавриди ба қайсар содиқ будан истифода бурданд. Баъзе яҳудиён комилан зидди садоқат ба қайсари бутпараст буданд. Дигарон, масалан, ҳиродиён, ба ин масъала бо таҳаммул муносибат менамуданд.

**22,17** Аввал онҳо хушомадгӯёна покии хислат, адолат ва нотарсии Ӯро таъриф намуданд. Сипас онҳо ба Ӯ саволи фитнаангезона доданд: *«Оё ба шоҳаншоҳ андоз додан раво аст, ё не?»*

Агар Исо «Не» мегуфт, он гоҳ на танҳо ҳиродиёнро бар зидди Худ бармеангехт, балки дар беитоатӣ ба ҳокимияти румӣ айбдор карда мешуд. Фарисиён фикрҳои Ӯро парешон карда, бар зидди Ӯ айбномае пеш меоварданд. Агар Ӯ «Ҳа» мегуфт, миллатчиёни ғаюри яҳудӣ Ӯро дар хиёнат айбдор мекарданд. Ӯ аз дастгирии қисми назарраси оммаи мардум маҳрум мешуд – дастгирие ки то ҳол ба роҳбарон имкон намедод аз Ӯ халос шаванд.

**22,18-19** Исо рӯйрост онҳоро *дурӯягоне* номид, ки Ӯро ба даст афтонданӣ ҳастанд. Сипас Ӯ хоҳиш кард, ки барояш *динорро* нишон диҳанд, тангаеро, ки бо он ба ҳукумати румӣ андозро мепардохтанд. Ҳар боре ки яҳудиён дар танга сурат ва унвони қайсарро медиданд, ин барояшон ёдраскунии аламовари он буд, ки онҳо тахти ҳокимият ва хироҷгузории бутпарастон мебошанд. Дар ҳақиқат динор бояд барояшон онро ёдрас мекард, ки бар онҳо ҳукмрон будани румиён натиҷаи гуноҳи онҳост. Агар онҳо ба Яҳува содиқ мебуданд, масъалаи ба қайсар додани андоз ба миён намеомад.

**22,20-21** Он гоҳ Исо аз онҳо пурсид: *«Ин сурат ва навишта аз они кист?»* Онҳо нолилоҷ ҷавоб доданд: *«Аз они шоҳаншоҳ». Он гоҳ Худованд ба онҳо ҷавоб дод: «Пас, он чи аз они*

*шоҳаншоҳ аст, ба шоҳаншоҳ диҳед, ва он чи аз они Худост – ба Худо».*

Савол ба онҳо чун бумеранг баргашт. Ба масъалаи пардохти андоз даст зада, онҳо Исоро ба даст афтонданӣ буданд. Ӯ бошад онҳоро дар надодани он чи аз Худост, фош намуд. Агарчи онҳо норозигӣ зоҳир мекарданд, он чи аз қайсар аст, барояш медоданд, аммо даъвоҳои Худоро ба ҳаёти худ сарфи назар мекарданд. Оне ки дар назди онҳо истода буд, инъикоси Шахсияти Худо буд (ниг. Ибр. 1,3), аммо онҳо ҷои ҳаққонии Ӯро барояш надоданд.

Ҷавоби Исо нишон медиҳад, ки имондор ду шаҳрвандӣ дорад. Ӯ вазифадор аст, ба ҳукумате ки одамон муқаррар намудаанд, итоат намояд, ва онро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ кунад. Ӯ набояд дар бораи ҳокимон бадгӯӣ кунад ё барои сарнагун кардани ҳокимият коре кунад. Ҳамчун шаҳрванди осмон, вай бояд ба Худо итоат кунад. Агар дар байни итоат ба Худо ва ба ҳокимият зиддияте ба миён ояд, вай бояд пеш аз ҳама ба Худо вафодор бошад (Аъм. 5,29).

Ояти 21-ро иқтибос оварда, бисёр касон ба он қисме ки ба қайсар дахл дорад, бештар аҳамият медиҳанд, ва ба осонӣ он қисмеро, ки ба Худо дахл дорад, сарфи назар мекунанд, яъне ғалатеро содир мекунанд, ки Исо фарисиёнро барои он сарзаниш карда буд.

**22,22** *Чун* фарисиён ҷавоби Ӯро *шуниданд,* онҳо фаҳмиданд, ки мағлуб шудаанд. Ба онҳо фақат ҳайрон шудан ва рафтан мемонду халос.

### 3. Саддуқиён ва муаммои онҳо оид ба растохези мурдагон (22,23-33)

**22,23-24** Чунон ки пештар зикр шуда буд, саддуқиён илоҳиётшиносони либералии (озодандеши) он замон буданд, ки растохези бадан, мавҷудияти фариштагон ва муъҷизотро рад мекарданд. Амалан, онҳо аз бовар кардан дида бештар рад мекарданд.

Намояндагони онҳо ба назди Исо *омада,* ҳикоятеро нақл карданд, ки барои бемаънӣ ва хандаовар нишон додани ақидаи растохез бофта шуда буд. Онҳо ба Ӯ қонунеро оид ба никоҳи додаршӯӣ ёдрас намуданд (Так. Шар. 25,5). Мувофиқи ин қонун, агар исроилӣ пас аз худ *фарзанде* нагузошта бимирад, пас *бародараш* бояд беваро ба занӣ гирад, то ки насаби вайро дар Исроил ва меросро дар оила нигоҳ дорад.

**22,25-28** Дар муаммои онҳо оид ба зане гуфта мешуд, ки шавҳарашро аз даст дода, сипас ба яке аз бародарони вай ба шавҳар баромад. Бародари дуюм низ мурд, бинобар ин зан ба бародари сеюм ба шавҳар баромад, ва ҳамин тавр то ҳафтум. Ниҳоят, *зан низ мурд.* Сипас саволе дода шуд, ки мақсадаш паст задани Касе буд, ки Худ растохез аст (Юҳ. 11,25): *«Пас, дар рӯзи растохез вай зани кадоме аз он ҳафт мешавад? Зеро ки ҳама вайро ба занӣ гирифта буданд».*

**22,29** Далели онҳо дар он асос ёфта буд, ки азбаски худи ақидаи растохез душвориҳои рафънашавандаро ба миён меорад, пас, он оқилона нест, ва бинобар ин нодуруст аст. Исо ба онҳо ҷавоб дод, ки душворӣ на дар таълимот оид ба растохез, балки дар тафаккури онҳост; онҳо *Китоб* ва *қуввати Худоро* намедонистанд.

Аввалан, онҳо *Китобро* намедонистанд. Навиштаи Муқаддас дар ҳеҷ ҷой намегӯяд, ки муносибатҳои заношӯӣ дар осмонҳо идома меёбанд. Агарчи мардҳоро шинохтан мумкин хоҳад буд, ки онҳо мардҳоянд, ва занҳоро, ки онҳо занҳоянд, – ҳамаи онҳо чун фариштагон хоҳанд буд, ба он маъное ки на зан хоҳанд гирифт ва на ба шавҳар хоҳанд баромад.

Сониян, онҳо *қуввати Худоро* намедонистанд. Агар Ӯ одамро аз хоки замин офарида тавониста бошад, магар наметавонад ба осонӣ мурдагонро аз хок ба по хезонад, ва баданҳои фонии онҳоро ба ҷалолёфта мубаддал гардонад?

**22,30-32** Сипас Худованд Исо аз Навишта далеле пеш овард, то нишон диҳад, ки растохез комилан ҳатмист. Дар Хуруҷ 3,6 Худо оид ба Худ чун *Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб* сухан меронад. Исо гуфт, ки *«Худо на Худои мурдагон аст, балки Худои зиндагон».* Худо бо ин одамон паймон баст, аммо онҳо пеш аз пурра иҷро шудани ин паймон вафот карданд. Чӣ гуна Худо метавонад оид ба Худ чун Худои се шахсе сухан гӯяд, ки баданҳояшон дар қабр аст? Чӣ гуна Оне ки ваъдахилофӣ намекунад, он ваъдаҳоеро иҷро кунад, ки ба одамони кайҳо мурда додааст? Ҷавоб танҳо яктост – ба воситаи аз нав зинда намудани онҳо.

**22,33** *Ҷои тааҷҷуб нест, ки* мардум шунида, аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд. *Мо низ аз Ӯ дар ҳайратем!*

## И. Фармони бузургтарин (22,34-40)

**22,34-36** Ҳангоме *фарисиён шуниданд, ки Ӯ даҳони* мухолифонашонро, яъне саддуқиёнро *бастааст,* онҳо ба назди Ӯ омаданд, то бо Ӯ мусоҳиба намоянд. Намояндаи онҳо, *шариатдон,* аз Исо хоҳиш кард, ки *фармудаи бузургтаринро дар шариат* ҷудо намояд.

**22,37-38** Исо ухдадориҳои одамро дар назди Худо моҳирона *дар фармудаи аввалин ва бузургтарин* ҷамъбаст намуд: *«Худованд Худои худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон ва бо тамоми ҳуши худ дӯст дор».* Марқус илова менамояд: *«ва бо тамоми қуввати худ дӯст дор»* (Марқ. 12,30). Ин маънои онро дорад, ки вазифаи аввалини одам – бо тамоми ҳастӣ дӯст доштани Худост. Чунон ки зикр шуда буд, дил оид ба табиати эҳсосотӣ, ҷон оид ба табиати иродавӣ, ҳуш оид ба табиати ақлӣ ва қувва оид ба табиати ҷисмонӣ шаҳодат медиҳад.

**22,39-40** Сипас Исо илова намуд, ки вазифаи дуввуми инсон – *монанди худ дӯст* доштани *ёри худ* аст. Барнс мегӯяд: «Муҳаббат ба Худо ва ба одам тамоми динро дар бар мегирад: ва зуҳуроти ин муҳаббатро Мусо, пайғамбарон, Наҷотдиҳанда ва расулон мехостанд». Мо бояд ба ин калимаҳо гаштаву баргашта диққат диҳем: *«Ёри худро монанди худ дӯст дор».* Мо бояд оид ба он андеша кунем, ки худро то чӣ андоза дӯст медорем ва барои худ ғамхорӣ намуда, чӣ қадар корҳои зиёдро мекунем, то ки табъамон хуш бошад. Сипас ба худ тасаввур кардан лозим аст, ки агар ин муҳаббатро ба дигарон зоҳир мекардем, он чӣ гуна мебуд. Баъд ҳамон хел рафтор кардан даркор аст. Ин гуна рафтор на табиӣ, балки фавқуттабиист. Танҳо дубора зодашудагон ин тавр зиндагӣ карда метавонанд, ва танҳо агар ба Масеҳ имкон диҳанд, ки ба воситаи онҳо амал намояд.

## Й. Писари Довуд Худованди Довуд аст (22,41-46)

**22,41-42** То даме ки *фарисиён* аз ҷавоби ба шариатдон додаи Исо ба худ меомаданд, Ӯ ба онҳо саволи душворе дод: *«Дар бораи Масеҳ чӣ фикр доред? Ӯ писари кист?»*

Аксари фарисиён бовар намекарданд, ки Исо – Масеҳ аст; онҳо ҳанӯз ҳам интизори Масеҳ буданд. Бинобар ин Исо аз онҳо напурсид, ки «Дар бораи Ман чӣ фикр доред?» (агарчи, албатта, ин низ дар назар буд). Ӯ ба таври умумӣ пурсид, ки вақте Масеҳ падид ояд, писари кӣ хоҳад буд?

Онҳо дуруст ҷавоб доданд, ки Масеҳ аз насли *Довуд* хоҳад буд.

**22,43-44** Он гоҳ Худованд Исо Забур 109,1-ро иқтибос овард, ки он ҷо Довуд гуфтааст: *«Худованд ба Худованди ман гуфт: «Аз дасти рости Ман нишин, то даме ки душманони Туро пойандози Ту созам».* Калимаи аввалини «Худованд» ба Худо Падар дахл дорад, дуввумаш бошад – ба Масеҳ. Яъне, Довуд дар бораи Масеҳ чун дар бораи Худованди худ мегӯяд.

**22,45** Акнун Исо ба онҳо чунин савол дод: *«Модоме ки Довуд Ӯро Худованд мехонад, чӣ гуна Ӯ писари вай будааст?»* Ҷавоб: Масеҳ – ҳам Худованди Довуд, ҳам Писари Довуд аст; ҳам Худо, ҳам Одам. Ҳамчун Худо Ӯ Худованди Довуд аст; ҳамчун Одам – Писари Довуд.

Агар фарисиён пандро қабул мекарданд, онҳо мефаҳмиданд, ки Исо Масеҳ буд – аз тарафи Марям Писари Довуд буд ва аз рӯи калом, аъмол ва роҳҳояш Писари Худо буд.

**22,46** Аммо онҳо инро дидан намехостанд. Аз хирадмандии Ӯ ноилоҷ монда, онҳо кӯшишҳои бо саволҳо ба даст афтондани Ӯро бас карданд. Аз ин дам онҳо усули дигареро интихоб намуданд – зӯриро.

## Ӣ. Огоҳкунӣ оид ба корҳое ки бо суханон мувофиқат намекунанд (23,1-12)

**23,1-4** Дар оятҳои аввали ин боб Наҷотдиҳанда халқ ва *шогирдони* Худро аз *китобдонон ва фарисиён* огоҳӣ медиҳад. Ин роҳбарон *бар курсии Мусо нишастаанд,* яъне шариати Мусоро таълим медоданд. Одатан ба таълими онҳо боварӣ кардан мумкин буд, аммо ба ҳаёти амалиашон – не. Ақидаҳои онҳо аз рафторашон беҳтар буданд. Ин маҳз ҳамон ҳолатест, ки суханон бо амалҳо мувофиқат намекунанд. Бинобар ин Исо гуфт: *«Пас, он чи ба шумо гӯянд, ба ҷо оваред ва риоя кунед; лекин аз рӯи корҳои онҳо рафтор накунед, зеро мегӯянд ва намекунанд».*

Онҳо ба одамон талаботи баланд пешниҳод мекарданд (эҳтимол, тафсири ҳарф ба ҳарфи шариатро), аммо ба ҳеҷ кас дар

бардоштани ин борҳои тоқатнопазир ёрӣ нарасонданд.

**23,5** Онҳо ҳамаи маросимҳои диниро ба ҷо меоварданд, аммо на аз тахти дил, балки барои он ки одамон онҳоро бинанд. Мисоли ин – дар бар намудани дуо-қуттичаҳо буд (қуттичаҳо бо суханон аз Таврот). Ҳангоме Худо ба Исроил амр фармуд, ки суханони Ӯро ҳамчун нишона дар дастон ва дар пешонӣ банданд (Хур. 13,9.16; Так. Шар. 6,8; 11,18), Ӯ дар назар дошт, ки бояд дар пеши онҳо ҳамеша шариат бошад, ки тамоми фаъолияташонро идора мекунад. Онҳо ин амри рӯҳониро то дараҷаи таҳтуллафзӣ ва рӯякӣ паст фаровар-данд. Онҳо порчаҳои Навиштаро ба қуттичаҳои чармин андохта, ба пешонӣ ва ё дастон мебастанд. Ба ақидаи онҳо, риояи шариат – дар бар намудани бандҳо бо дуо-қуттичаҳои ниҳоят калон буд, ки аз рӯҳонияти фақулодаи онҳо шаҳодат медод. Шариат инчунин ба яҳудиён мефармуд, ки дар канорҳои либосашон пӯпакҳое аз риштаи осмониранг дошта бошанд (Ад. 15,37-41; Так. Шар. 22,12). Ин чизи фарққунанда мебоист ба онҳо хотиррасон мекард, ки онҳо халқи махсус мебошанд, ки дар роҳравиҳояшон аз халқҳои дигар бояд фарқ кунанд. Фарисиён ин дарси рӯҳониро ба назар нагирифта, онро бо шилшилаи дарозтар иваз намуданд.

**23,6-7** Онҳо худписандии беандоза нишон дода, *дар зиёфатҳо ва куништҳо* ҷойҳои ифтихориро ишғол мекарданд. Онҳо худхоҳии худро бо он тағофул медоданд, ки *дар кӯчаву бозор ба онҳо салом гӯянд,* ва махсусан ба онҳо маъқул буд, ки онҳоро *устод* (ба ибрӣ «раббӣ», ки маънояш «бузурги ман» ё «устоди ман» аст) меномиданд.

**23,8-10** Ин ҷо Худованд шогирдонашро огоҳӣ медиҳад, то унвонҳоеро ба кор набаранд, ки танҳо нисбати Худо истифода бурдан мумкин аст. Мо набояд ҳамчун унвони фарққунанда устод номида шавем, чунки мо танҳо як *Устод* дорем – *Масеҳ*. Мо набояд касеро *падар* номем; *Падари* мо Худост. Вэстон моҳияти ин оятҳоро чунин ифода менамояд:

*Ин эъломияи моҳияти муносибатҳои одам бо Худост. Масеҳӣ се хусусияти фарққунанда дорад: ӯ кист, ба чӣ боварӣ дорад ва чӣ мекунад; таълимот, таҷриба, амалия. Барои ҳастии рӯҳонии худ одам ба се чиз муҳтоҷ аст: ҳаёт, панд, роҳнамоӣ. Ин маҳз ҳамон чизест, ки Худованд дар ҳафт сухани Инҷилӣ эълон намудааст: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам» ... Ҳеҷ одамеро Падар эътироф накунед, чунки ҳеҷ одаме наметавонад ҳаёти рӯҳониро расонад ё нигоҳ дорад. Ҳеҷ кадом одамро ба дараҷаи устоди хатонакунанда набардоред; ба ҳеҷ кас имкон надиҳед, ки мартабаи роҳбари рӯҳониро ишғол намояд. Шумо чун ҳар гуна инсони дигар ба ҳамин тавр муносибатҳои наздик бо Худо ва Масеҳ ҳақ доред.*[39]

Маънои равшани суханони Наҷотдиҳанда чунин аст, ки дар Подшоҳии Осмон ҳамаи имондорон бародарии баробарҳуқуқи одамонро ташкил медиҳанд, ки дар он барои унвонҳои фарққунандае ки якеро аз дигаре болотар мебардоранд, ҷой нест. Як андеша кунед, ки ҳоло дар масеҳият кадом унвонҳо ҳастанд: «пастор», «пресвитер», «поп», «папа» (ки маънояш падар аст), «падари муқаддас» ва ғайраҳо. Ҳатто калимаи «доктор», ки безарар менамояд, ба лотинӣ маънои «муаллим»-ро дорад. (Ин огоҳкунӣ аз муносибатҳои касбии маишӣ ё академикӣ дида бештар ба муносибатҳои рӯҳонӣ дахл дорад. Масалан, он ба кӯдак манъ намекунад, ки волиди худро «падар» номад, ва ба беморон, ки ба табиби худ «доктор» гуфта муроҷиат кунанд.) Вақте ки кор ба муносибатҳои маишӣ дахл дорад, он гоҳ қоидаи амалкунанда ин аст: «... ба ҳар кас он чиро, ки ҳаққи ӯст, диҳед ... иззатро ба касе ки шоистаи иззат аст» (Рум. 13,7).

**23,11-12** Ин ҷо боз ҳам хусусияти комилан дигари Подшоҳӣ нишон дода шудааст: бузургии ҳақиқӣ тамоман хилофи тасаввуроти инсонӣ оид ба он аст. Исо гуфт: *«Бузургтарини шумо хизматгузори шумо бошад. Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст мегардад; ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарбаланд мегардад»*. Бузургии ҳақиқӣ то дараҷаи хизматгорӣ поён мефарояд. Фарисиён, ки худро баланд мебардоранд, паст карда хоҳанд шуд. Шогирдони ҳақиқӣ, ки худро паст мекунанд, дар замони худ болобардор хоҳанд шуд.

## К. «Вой бар» китобдонон ва фарисиён (23,13-36)

Сипас Худованд Исо ҳашт бор «Вой бар» дурӯягони динии мутакаббири замони Худ

мегӯяд. Ин лаънат нест, балки, аниқтараш, таассуф оид ба тақдири онҳо мебошад, ба монанди «Дареғо!»

**23,13** *«Вой»-и* якум бар зидди он равона шудааст, ки онҳо сахтдил шуда, барои дигарон чун монеа хизмат мекарданд. Онҳо худашон ба *Подшоҳӣ* даромадан нахостанд ва барои ба он ворид шудани дигарон мамониат мекарданд. Аҷиб аст, ки роҳбарони динӣ аксаран худ мухолифони Хушхабари файз мебошанд. Онҳо метавонанд ба ҳама чиз боилтифот бошанд, аммо на ба Хушхабар. Одами ҷисмонӣ наметавонад ҳадафи файзи Худо қарор гирад ва намехоҳад, ки Худо онро ба дигарон зоҳир намояд.

**23,14** «Вой»-и дуюм ба онҳо барои он дармерасад, ки онҳо *хонаҳои бевазанонро* аз они худ мекунанд ва дар паси *дуоҳои дурударози намоишкорона* паноҳ мешаванд. Баъзе мазҳабҳои ҳозира ҳамин гуна усулро ба кор бурда, бевазанони солхӯрдаро, аксаран имондорони ноустуворро, ба он моил мекунанд, ки моликияти худро ба «калисо» васият кунанд. Чунин фиребгарони динӣ ба ин сабаб *сахттар маҳкум* мешаванд.

**23,15** Маҳкумияти сеюм бар онҳо барои кӯшишу ғайрати ба тарафи нодуруст равонашуда хоҳад омад. Онҳо масофаҳои тасаввурнашавандаро тай мекарданд, то ки ақаллан як нафарро *ба дини худ гардонанд,* аммо пас аз ин ӯро *ду баробар аз худашон бадтар* мекарданд. Муродифи имрӯзаи ин – кӯшишу ғайрати мазҳабҳои бардурӯғ мебошад. Гурӯҳе тайёр аст ба 700 дар тақ-тақ кунад, то ки ақаллан як касро ба мазҳаби худ гардонанд, аммо натиҷаи ниҳоии кори онҳо ҳалокатовар аст. Чунон ки касе гуфтааст: «Онҳое ки беш аз ҳама бозгашт кардаанд, аксаран беш аз ҳама роҳгумзада мешаванд».

**23,16-22** Чорум, Худованд онҳоро дар казуистика, ё дидаву дониста ноинсофона муҳокима рондан мазаммат намуд. Онҳо системаи бардурӯғи асосноккуниҳоро бунёд намуданд, то ки аз ҷазо барои қасамҳо халос шаванд. Масалан, онҳо таълим медоданд, ки агар ту ба *маъбад* қасам хӯрӣ, қасамро вайрон карда метавонӣ, аммо агар ба *тиллои маъбад* қасам хӯрӣ, бояд ба ваъдаат вафо кунӣ. Онҳо мегуфтанд, ки агар шахс бо ҳадяи бар қурбонгоҳ буда қасам хӯрад, уҳдадор хоҳад шуд, дар ҳоле ки қасам ба худи қурбонгоҳ касро уҳдадор намекунад. Ҳамин тавр, онҳо тиллоро аз Худо зиёдтар (парастишгоҳ хонаи Худо буд), ва ҳадяи дар қурбонгоҳ бударо (як навъ арзиши моддиро) аз худи қурбонгоҳ зиёдтар қадр мекарданд. Онҳо аз чизи рӯҳонӣ дида бештар ба чизи моддӣ шавқманд буданд. Онҳо гирифтанро (ҳадяро) аз овардан (қурбонгоҳ ҷои овардан аст) афзал медонистанд.

Ба онҳо ҳамчун ба *пешвоёни кӯр* муроҷиат карда, Исо иштибоҳи онҳоро фош намуд. Тиллои маъбад танҳо барои он арзиши махсус пайдо мекард, ки ба Худое ки дар парастишгоҳ сокин аст, бахшида шудааст. Маҳз қурбонгоҳ ба ҳадя арзиш медод. Одамоне ки ба ақидаашон тилло худ аз худ арзиш дорад, нобиноянд; он танҳо ҳамон вақт арзиш пайдо мекунад, ки барои ҷалоли Худо истифода шавад. Ҳадяҳое ки бо ниятҳои ҷисмонӣ оварда шудаанд, арзиш надоранд; аммо ҳадяҳои ба Худованд ба хотири номи Ӯ овардашуда арзишӣ доимӣ доранд.

Амалан, фарисиён бо ҳар чи қасам хӯранд, ба ин қасам Худо ҷалб шудааст; ва онҳо мебоист онро иҷро мекарданд. Шахс наметавонад бо асосноккуниҳои ба ҳақиқат монанд аз иҷрои ваъдаҳоаш халос шавад. Қасамҳо уҳдадор мекунанд, ва ваъдаҳо бояд иҷро карда шаванд. Барои халосӣ аз иҷрои уҳдадориҳо ба ҳар гуна усулҳои зоҳирӣ рӯ овардан бефоида аст.

**23,23-24** *«Вой»-и* панҷум бар зидди расму таомули бемаъно равона шудааст. *Китобдонон ва фарисиён* дар овардани даҳяк ба Худованд аз алафҳои сабзонидаашон хеле хурдагир буданд. Исо онҳоро барои ғамхорӣ оид ба ин ҷузъиёти хурди итоаткорӣ маломат намекард, аммо барои он сарзаниш намуд, ки ҳангоме ба дигарон *инсоф, марҳамат ва имон* зоҳир намудан лозим буд, онҳо ниҳоят бесубот буданд. Ифодаи аз ҷиҳати фасоҳат бемонандро истифода бурда, Исо онҳоро ҳамчун софикунандагони *пашша* ва фурӯбарандагони *шутур* тавсиф медиҳад. Пашша – ҳашароти хурде ки бисёр вақт ба ҷоми майи ширин меафтид, ба воситаи аз байни дандонҳо макидани май софӣ карда мешуд. Дар бораи чунин чизи камаҳамият ғамхорӣ намудан, ва сипас ҳайвони калонтарини нопоки Фаластинро фурӯ бурдан хандаовар аст! Фарисиён ба чизҳои майда-чуйда бисёр аҳамият медоданд, аммо нисбати чунин гуноҳҳо ба монанди риёкорӣ,

беинсофӣ, бераҳмӣ ва ҳарисӣ нобино буданд. Онҳо ҳисси таносубро гум карда буданд.

**23,25-26** *«Вой»-и* шашум ба риояи шакли берунӣ дахл дорад. Фарисиён, ки ба зуҳуроти берунии диндорӣ ва боахлоқӣ бисёр аҳамият медоданд, дилҳои пур аз *ӯздӣ ва беинсофӣ*[40] доштанд. Онҳо бояд *аввал даруни пиёла ва табақро* тоза кунанд, яъне боварӣ ҳосил кунанд, ки дилҳояшон ба василаи тавба ва имон пок карда шудааст. Танҳо ҳамон вақт рафтори берунии онҳо писандида хоҳад буд. Байни шахсият ва симои мо фарқ ҳаст. Мо симои худро чуноне ки мехоҳем дар бораи мо фикр кунанд, ҷилвагар карданӣ мешавем. Аммо Худо ба шахсияти мо аҳамият медиҳад – ба он чи мо дар асл ҳастем. Худо мехоҳад, ки дар инсони дохилии мо ҳақиқат сокин бошад (Заб. 50,8).

**23,27-28** *«Вой»-и* ҳафтум ҳамчунин зарбаи худро бар зидди риояи шакли берунӣ равона кардааст. Фарқ дар он аст, ки «вой»-и шашум барои манфиатҷӯии пинҳонӣ сарзаниш мекунад, ҳафтумаш бошад *дурӯягӣ ва бадиро* маҳкум менамояд.

Одатан мақбараҳоро сафед мекарданд, то ки яҳудиён беэҳтиётона ба онҳо даст расонда, нопок нашаванд. Исо китобдонон ва фарисиёнро ба ин *қабрҳои сафед кардашуда* монанд мекунад, ки зоҳиран тоза менамуданд, аммо дар дохил пур аз боқимондаҳои пӯсидаистода буданд. Одамон гумон мекарданд, ки муошират бо ин роҳбарони динӣ боиси покшавиашон мегардад, аммо дар асл нопок мешуданд, чунки онҳо пур аз риёкорӣ ва бадкирдорӣ буданд.

**23,29-30** *«Вой»-и* охирин бар зидди он равона шудааст, ки дар зери пархезгории зоҳирӣ мо одамкуш буда метавонем. *Китобдонон ва фарисиён мақбараҳои пайғамбарони* Аҳди Қадимро бино намуда ё таъмир карда ва муҷассамаҳои онҳоро бо гулчанбарҳо оро дода, вонамуд мекарданд, ки онҳоро эҳтиром мекунанд. Дар нутқҳои бахшида ба ёдбуди пайғамбарон онҳо мегуфтанд, ки *дар рехтани хуни пайғамбарон ба онҳо шарик* намешуданд.

**23,31** Исо ба онҳо гуфт: *«Ба ҳамин роҳ худатон бар зидди худ гувоҳӣ медиҳед, ки фарзандони кушандагони пайғамбарон ҳастед»*. Онҳо дар ин бора чӣ гуна шаҳодат медоданд? Аз ояти пештара қариб аён аст, ки онҳо худро аз падаронашон, ки пайғамбаронро кушта буданд, ҷудо мекарданд. Аввалан, онҳо эътироф мекарданд, ки падаронашон (ки китобдонон ва фарисиён ҷисман фарзандони онҳоянд) хуни пайғамбаронро рехтаанд. Аммо Исо ин ҷо калимаи «фарзандон»-ро ба кор бурда, одамонеро дар назар дошт, ки онҳоро айнан ҳамон гуна тавсиф додан мумкин аст. Ӯ медонист, ки агарчи онҳо мақбараҳои пайғамбаронро оро медоданд, онҳо машварат мекарданд, то Ӯро ба қатл расонанд. Сониян, ба пайғамбарони фавтида эҳтиром зоҳир намуда, онҳо мегуфтанд: «Мо танҳо пайғамбарони мурдаро дӯст медорем». Аз ин ҷиҳат низ онҳо фарзандони падарони худ буданд.

**23,32** Сипас Худованд илова намуд: *«Пас, шумо ҳам зарфи падарони худро лабрез кунед»*. Пайғамбаронро аз ҳаёт маҳрум намуда, падарон қисман зарфи кушторҳоро пур карданд. Китобдонон ва фарисиён ба қарибӣ Исои Масеҳ ва шогирдони Ӯро кушта, онро лабрез хоҳанд кард, ва ҳамин тариқ ба авҷи аълои кори саркардаи падаронашон хоҳанд омад.

**23,33** Дар ин бобат Писари Худо чунин суханони сахтро ба забон овард: *«Эй морон ва афъизодагон! Аз маҳкумияти дӯзах чӣ тавр гурехта метавонед?»* Оё Таҷассуми муҳаббат чунин суханони дилхарош гуфта метавонад? Бале. Чунки муҳаббати ҳақиқӣ бояд одилона ва пок низ бошад. Тасаввуроти паҳншуда оид ба он ки Масеҳ ислоҳотчии беозор буда, ғайр аз муҳаббат ба ҳиссиёти дигаре тавон надорад, ба Навиштаи Муқаддас мувофиқат намекунад. Муҳаббат бетағйир буда метавонад, аммо ҳамеша бояд одилона бошад.

Бояд дар ёд дошт, ки ин суханон на ба бадмастон ва зинокорон, балки ба роҳбарони динӣ равона шуда буданд. Дар замони экуменӣ, ки баъзе масеҳиёни инҷилӣ бо душманони салиби Исо муттаҳид мешаванд, хуб мебуд ба намунаи додаи Исо амиқ сарфаҳм рафта, суханони ба Еҳӯшофот гуфтаи Еҳуро ба ёд оварем: «Оё мебоист, ки ба бадкирдоре ёварӣ намоӣ, ва душманони Парвардигорро дӯст дорӣ?» (2Вақ. 19,2).

**23,34-35** Исо на танҳо марги Худро пешакӣ медонист, Ӯ ба китобдонон ва фарисиён аниқ гуфт, ки онҳо баъзе фиристодагони Ӯро, анбиё ва ҳакимон ва китобдононро, хоҳанд кушт. Баъзе фиристодагони аз марги пуразоб халосӣ ёфтаро, *дар куништҳо* қамчинкорӣ карда, *аз шаҳре ба шаҳре* таъқиб мекунанд. Ҳамин тариқ роҳбарони динии Исроил тамоми

ҷиноятҳои давраи риёзаткаширо ба худ ҷамъ хоҳанд кард. *Тамоми хуни росткорон, ки ба замин рехта шуд, аз хуни Ҳобили росткор то хуни Закарё писари Баракё,* ки оид ба кушта шудани ӯ дар 2Вақоеънома 24,20.21 – китоби охирини Аҳди Қадим аз рӯи тартиби яҳудӣ – навишта шудааст, бар сари онҳо фуруд хоҳад омад. (Ин на он Закарё аст, ки муаллифи китобе дар Аҳди Қадим аст.)

**23,36** Гуноҳи наслҳои гузашта ба *насле,* ё халқе фуруд меояд, ки Исо ба онҳо мурочиат мекард, гӯё тамоми хуни рехта ҷамъ шуда, дар марги Наҷотдиҳандаи бегуноҳ ба авҷи аълои худ мерасад. Сели ҷазоҳо ба халқе фурӯ мерезад, ки аз Масеҳи худ бесабаб нафрат кард ва ба салиби ҷиноят мехкӯб намуд.

### Қ. Исо оид ба Уршалим гиря мекунад (23,37-39)

**23,37** Хеле пурмаъност, ки бобе ки беш аз ҳама пешгӯиҳоро оид ба бадбахтиҳо аз тарафи Худованд дорад, бо ашкҳои Ӯ ба анҷом мерасад! Пас аз таънаи талхе ба фарисиён Ӯ дар ҳаққи шаҳре ки фурсати мувофиқро аз даст дод, андӯҳгинона гиря мекунад. Такрори номи *«Уршалим, Уршалим»* пур аз ҳиссиёти ифоданашаванда аст. Ин шаҳр *пайғамбаронро* кушт ва фиристодагони Худоро сангсор кард, аммо ба ҳар ҳол Худованд онро дӯст медошт ва мехост фарзандони онро бо муҳаббат назди Худ ҷамъ оварад, *монанди мокиёне ки чӯҷаҳои худро зери болаш ҷамъ мекунад,* – аммо он нахост.

**23,38** Дар анҷоми гиряи Худ Худованд Исо гуфт: *«Инак, хонаи шумо ба шумо вайрон гузошта мешавад».* Асосан, ин ҷо хона – парастишгоҳ аст, аммо ҳам шаҳри Уршалим ва ҳам худи халқро ба он дохил кардан мумкин аст. Байни марги Масеҳ ва омадани дубораи Ӯ даврае мешавад, ки Исроили беимон Ӯро намебинад (пас аз растохез Ӯро танҳо имондорон дида буданд).

**23,39** Дар ояти 39 интизории омадани дубора ифода ёфтааст, ҳангоме қисми имондори Исроил Масеҳро ҳамчун Масеҳ-Подшоҳи худ қабул мекунад. Ин чиз зимни ин суханон дар назар дошта шудааст: *«Муборак аст Он ки ба номи Худованд меояд!».*

Ин ҷо дар назар дошта намешавад, ки қотилони Масеҳ имкони дуюми эътироф намудани Ӯро хоҳанд дошт. Ӯ дар бораи Исроил сухан меронд ва, ҳамин тариқ, маҷозан оид ба сокинони он ва умуман оид ба Исроил. Дафъаи оянда, ҳангоме онҳо Ӯро пас аз марг мебинанд, замоне фаро мерасад, ки онҳо назари худро ба Ӯ, ки мехкӯбаш карда буданд, равона мекунанд, ва дар ҳаққи Ӯ навҳа мекунанд, чунон ки барои писари ягона навҳа мекунанд (Зак. 12,10). Аз навҳа барои писари ягона дида ҳеҷ навҳаи талхтаре нест.

## XIII. НУТҚИ ПОДШОҲ ДАР БОЛОИ КӮҲИ ЗАЙТУН (Б. 24 ва 25)

Бобҳои 24 ва 25 Нутқи болои кӯҳи Зайтунро ташкил медиҳанд, ки номи худро ба шарофати он хабари муҳими дар болои кӯҳи Зайтун гуфташуда гирифтааст. Ин нутқ комилан пайғамбарона аст, он ба давраи андӯҳ ва омадани дубораи Худованд ишора мекунад. Аксаран, агарчи на пурра, он ба халқи Исроил дахл дорад. Ҷои амал, яқинан, Фаластин аст, масалан, «Он гоҳ онҳое ки дар Яҳудо мебошанд, ба кӯҳистон гурезанд» (24,16). Вазъияти атроф возеҳан яҳудиёна аст; масалан «Дуо кунед, ки гурехтани шумо дар рӯзи шанбе рӯй надиҳад» (24,20). Истинод ба интихобшудагонро (24,22) ҳамчун *яҳудиёни* интихобшудаи Худо бояд фаҳмид, на ин ки Калисо. Агар мо ин ҷо тасвири Калисоро ҷустуҷӯ кунем, онро дар ягон пешгӯӣ ё дар масалҳои ин нутқ пайдо намекунем.

### А. Исо вайрон карда шудани парастишгоҳро пешгӯӣ мекунад (24,1-2)

**24,1-2** Ин нутқ бо изҳороти пурмаъное оид ба он сар мешавад, ки *Исо аз маъбад баромада, равон шуд.* Агар суханони ҳозиракак гуфтаи Ӯро ба назар гирем: «Инак, хонаи шумо ба шумо вайрон гузошта мешавад (23,38), самти ҳаракати Ӯ аҳамияти махсус дорад. Ин ба мо тасвири Ҳизқиёлро оид ба парастишгоҳро тарк кардани ҷалол хотиррасон менамояд» (Ҳиз. 9,3; 10,4; 11,23).

Шогирдон мехостанд, ки Худованд ҳамроҳи онҳо аз санъати меъмории парастишгоҳ ба ваҷд ояд. Барои онҳо на чизи ҷовидонӣ, балки гузаранда ҷолиб буд, диққати онҳоро аз

асл дида бештар соябо ҷалб менамуданд. Исо огоҳӣ дод, ки ин бино тамоман вайрон карда мешавад ва *санге бар санге намемонад*. Титус бар абас парастишгоҳро наҷот додан мехост, аммо сарбозонаш биноро оташ заданд, ва ҳамин тариқ пешгӯии Масеҳро иҷро карданд. Вақте ки оташ ороиши тиллоиро гудохт, металли обшуда байни сангҳо ҷорӣ шуд; барои ба даст овардани он сарбозонро лозим омад, ки ҳамаи сангҳоро ҷой иваз кунонанд, чунон ки Худованд пешгӯӣ карда буд. Ин ҷазо соли 70-уми милодӣ иҷро шуд, вақте ки румиён таҳти роҳбарии Титус Уршалимро ғорат карданд.

## Б. Қисми аввали давраи Мусибати бузург (24,3-14)

**24,3** Пас аз он ки Исо ба кӯҳи Зайтун баромад, *шогирдонаш ба танҳоӣ назди Ӯ омада,* се савол доданд:

1. *Ин кай* иҷро *мешавад,* яъне парастишгоҳ кай вайрон карда мешавад?
2. *Аломати* бозомадани Ӯ *чӣ гуна* аст, яъне пеш аз он ки Ӯ ба замин барои барпо намудани Подшоҳӣ бозмегардад, кадом ҳодисаҳои ғайритабиӣ ба амал хоҳанд омад?
3. Аломати *охири ин давра* кадом аст, яъне чӣ чиз бевосита пеш аз Подшоҳии пурҷалоли Ӯ оид ба охири ин давра огоҳ хоҳад кард? (Саволҳои дуввум ва севвум дар асл як мебошанд.)

Бояд дар хотир дошт, ки афкори ин шогирдон-яҳудиён доимо дар атрофи давраи пурҷалоли Масеҳ дар замин давр мезад. Онҳо оид ба он фикр намекарданд, ки Масеҳ барои Калисо хоҳад омад. Онҳо оид ба ин марҳилаи омадани Ӯ маълумоти хеле кам доштанд, агар нагӯем, ки тамоман тасаввурот надоштанд. Онҳо интизори он буданд, ки омадани Ӯ дар қудрат ва ҷалол хоҳад буд, то ки душманонашро нобуд кунад ва дар ин ҷаҳон ҳукмронӣ кунад.

Ҳамчунин мо бояд возеҳан фаҳмем, ки онҳо на дар бораи ба охир расидани дунё, балки дар бораи *охири ин давра* (юн. айон – замон) сухан меронданд.

Ба саволи аввалини худ онҳо ҷавоби рӯйрост нагирифтанд. Аниқтараш, Наҷотдиҳанда муҳосираи Уршалимро дар соли 70-уми милодӣ (ниг. Луқ. 21,20-24) бо ҳамин гуна муҳосира, ки дар рӯзҳои охирин воқеъ мешавад, якҷоя намуд. Пешгӯиҳоро омӯхта, мо бисёр вақт мебинем, ки Худованд қариб ноаён аз замони пештара, аз ҷузъӣ, ба замони дертар, ба иҷрошавии пурраи онҳо мегузарад.

Ҷавоб ба саволҳои дуюм ва сеюм дар оятҳои 4-44-и ҳамин боб дода шудааст. Ин оятҳо давраи ҳафтсолаи Мусибати бузургро тасвир мекунанд, ки пеш аз бозомадани пурҷалоли Масеҳ хоҳад буд. Севуним соли аввал дар оятҳои 4-14 тасвир ёфтаанд. Севуним соли охир, ки «мусибати бузург» ва «замони тангӣ барои Яъқуб» ном дорад (Ирм. 30,7), барои сокинони замин замони азобҳои бемонанд хоҳад буд.

Бисёр шароитҳои тавсифкунандаи нимаи аввали Мусибати бузург аллакай дар тӯли таърихи инсоният қисман иҷро шудаанд, аммо ҳангоми давраи муҳокимашаванда онҳо дар шакли шадидтар зоҳир мешаванд. Ба онҳое ки дар Калисо ҳастанд, мусибат аллакай ваъда шуда буд (Юҳ. 16,33), аммо он аз андӯҳе ки ба ҷаҳони Писари Одамро радкарда фурӯ хоҳад рехт, хеле фарқ мекунад.

Мо бовар мекунем, ки Калисо аз ҷаҳон пеш аз он гирифта хоҳад шуд (1Тас. 4,1318), ки рӯзи ғазаби Худо фаро мерасад (1Тас. 1,10; 5,9; 2Тас. 2,1-12; Ваҳй 3,10).

**24,4-5** Ҳангоми нимаи аввали мусибати бузург масеҳони зиёди бардурӯғ пайдо мешаванд, ки мардуми зиёдеро бо муваффақият фиреб медиҳанд. Афзоиши тези мазҳабҳои гуногун дар замони мо сарахбори ин буда метавонад, аммо на иҷроиши пурра. Ин доҳиёни динии фиребгар яҳудиёне хоҳанд буд, ки худро *Масеҳ* вонамуд мекунанд.

**24,6-7** Инчунин *ҷангҳо ва овозаи ҷангҳо* хоҳанд буд. Халқе бар зидди халқе ва подшоҳие бар зидди подшоҳие бармехезад. Ба осонӣ метавонад чунин тобад, ки ин ҳамин рӯзҳо иҷро шуда истодааст, аммо он чи мо мебинем – шабоҳати сусти воқеаҳои оянда аст. Дар асл воқеаи навбатӣ дар нақшаи Худо болошавии Калисо аст (Юҳ. 14,1-6; 1Қур. 15,51-57). То он дам ягон пайғамбарие нест, ки иҷро шавад. Баъди боло бурда шудани Калисо соати пайғамбаронаи Худо ба кор сар мекунад, ва ин ҳодисаҳо зуд аз худ дарак медиҳанд. *Гуруснагиҳо, вабоҳо ва заминҷунбиҳо* дар ҳар ҷои замин *рӯй медиҳанд*. Аллакай имрӯзҳо ба сабаби ниҳоят афзудани аҳолӣ ҳукуматҳои ҷаҳон аз

нишонаҳои гуруснагӣ дар ташвишанд, аммо ин гуруснагӣ аз боиси мушкилоти таъмини хӯрокворӣ дар натиҷаи ҷангҳо қавитар хоҳад шуд.

Беш аз пеш *заминҷунбиҳо* диққатро ҷалб мекунанд – на танҳо онҳое ки ҳозир ба амал меоянд, балки онҳое низ, ки дар назар ҳастанд. Боз ҳам, зилзилаҳои имрӯза – танҳо ишора ба иҷроиши гуфтаҳои Наҷотдиҳанда мебошанд.

**24,8** Ояти 8 ин давраро равшан чун *ибтидои дардҳо* муайян мекунад – ин ибтидои азобҳои зодан аст, ки ба тартиби нави замони Масеҳ-Подшоҳ оварда мерасонад.

**24,9-10** Имондорони амин ҳангоми Мусибати бузург санҷишҳои сахти шахсиро аз сар хоҳанд гузаронд. Халқҳо бар зидди онҳое ки ба Масеҳ содиқанд, маъракаи боз ҳам бештари бадбиниро оғоз хоҳанд намуд. Онҳоро на танҳо дар маҳкамаҳои динӣ ва шаҳрвандӣ доварӣ хоҳанд кард (Марқ. 13,9), балки бисёр касонеро ки аз Масеҳ даст кашиданро рад мекунанд, хоҳанд кушт. Азбаски имондорон дар тамоми марҳилаҳои хизматгузории масеҳиёна аз ин гуна санҷишҳо гузаштаанд, аз афташ, ин ишораи махсусест ба он 144 000 имондорони яҳудӣ, ки бояд дар ин давра хизматгузории махсусеро ба ҷо оваранд.

Бисёриҳо азоб кашидан ва мурданро нахоста, муртад шуданро (аз имон рӯй гардонданро) афзал хоҳанд донист. Аъзоёни оилаҳо дар ҳаққи хешовандони худ хабаркашӣ карда, онҳоро ба дасти таъқибкунандагони бераҳм *таслим мекунанд*.

**24,11** Бисёр пайғамбарони дурӯғин ба майдон омада, мардуми зиёдро гумроҳ мекунанд. Онҳоро бо масеҳони бардурӯғи дар ояти 5 зикршуда набояд омехта кард. Пайғамбарони дурӯғин худро мунодиёни Худо вонамуд мекунанд. Онҳоро аз ду хусусияташон шинохтан мумкин аст: пайғамбариҳои онҳо на ҳамеша иҷро мешаванд ва таълимоти онҳо ҳамеша одамонро аз Худои ҳақиқӣ дур мебарад. Зикри пайғамбарони дурӯғин боз як бор онро тасдиқ мекунад, ки Мусибати бузург аз ҷиҳати хусусияти худ асосан яҳудиёна аст. Пайғамбарони *дурӯғин* ба халқи Исроил хос мебошанд; дар Калисо хатар аз *муаллимони* дурӯғин бармеояд (2Пет. 2,1).

**24,12** Бо зиёд шудани гуноҳ эҳсосоти инсонӣ камтар зоҳир мешавад. Рафторҳои бемуҳаббат зуҳуроти маъмулӣ шуда мемонад.

**24,13** *Лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот меёбад.* Албатта, ин маънои онро надорад, ки дар он замон ҷонҳои инсонӣ танҳо ба шарофати пуртоқатияшон наҷот меёбанд. Дар Навиштаи Муқаддас наҷот ҳамеша чун атои файзи илоҳӣ нишон дода мешавад, ки ба василаи имон ба марги ивазкунандаи Масеҳ ва растохези Ӯ ба даст меояд. Ин маънои онро низ надорад, ки ҳамаи тоқаткардагон аз азобҳои ҷисмонӣ эмин хоҳанд буд; мо аллакай медонем, ки бисёр имондорон кушта мешаванд (ояти 9). Ин мулоҳизаи умумӣ аст, ки чунин мегӯяд: Ҳар кӣ таъқиботро бо матонат, аз имон рӯй нагардонда, паси сар мекунад, ҳангоми омадани дубораи Масеҳ озодӣ ба даст меорад. Бигузор ҳеҷ кас гумон накунад, ки агар аз имон рӯй гардонад, аз азобҳо халос шуда ё наҷот ёфта метавонад. Танҳо онҳое *наҷот меёбанд,* ки имони ҳақиқӣ доранд. Агарчи имони наҷотдиҳанда суст буда метавонад, ба ҳар ҳол он дорои хусусияти давомнокӣ аст.

**24,14** Дар давоми ин давра *Инҷили Подшоҳӣ дар тамоми олам мавъиза* карда мешавад, *то ки барои ҳамаи халқҳо шаҳодате шавад.* Чунон ки дар тафсирҳо ба 4,23 фаҳмонда шуда буд, *Инҷили Подшоҳӣ* – Хушхабар дар бораи он аст, ки Масеҳ барои дар замин барпо намудани Подшоҳии Худ меояд, ва онҳое ки дар замони Мусибати бузург Ӯро бо имон қабул мекунанд, аз баракатҳои Подшоҳии Ҳазорсола лаззат хоҳанд бурд.

Ояти 14-ро бисёр вақт нодуруст истифода мебаранд, то нишон диҳанд, ки Масеҳ барои калисои Худ ҳар лаҳза омада наметавонад, чунки ҳанӯз бисёр қабилаҳо Хушхабарро нашунидаанд. Душворӣ он вақт бартараф мешавад, агар мо эътироф намоем, ки ин ба омадани Ӯ *барои* муқаддасон не, балки *бо* муқаддасон омадани Ӯ дахл дорад. Ва ин суханон на ба Хушхабари файзи Худо, балки ба Хушхабари Подшоҳӣ дахл доранд (ниг. тафсири 4,23).

Байни ҳодисаҳои дар оятҳои 3-14 номбаршуда ва он ҳодисаҳое ки дар Ваҳй 6,1-11 навишта шудаанд, хатти мувозии ҳайратоваре ҳаст. Савори аспи сафед – *масеҳи дурӯғин* аст; савори аспи оташгун (зард) – *ҷанг;* савори аспи сиёҳ – *гуруснагӣ;* савори аспи рангпарида – *вабо* ё марг. Ҷонҳое ки дар зери қурбонгоҳ мебошанд, – риёзаткашонанд. Воқеаҳои дар Ваҳй 6,12-17 тасвирёфта бо он чи дар Матто 24,19-31 навишта шудааст, алоқаманд мебошанд.

### В. Мусибати бузург (24,15-28)

**24,15** Дар ин оят мо дар бораи миёнаи мусибат мехонем. Мо инро бо муқоисаи ояти 15 бо Дониёл 9,27 мефаҳмем. Дониёл пешгӯӣ кард, ки дар миёнаи ҳафтсолаи ҳафтодум, яъне дар охири севуним сол, дар ҷои муқаддас, яъне дар парастишгоҳ дар Уршалим, тасвири бут гузошта мешавад. Ҳамаи одамон маҷбур мешаванд, ки ба ин бути манфур саҷда намоянд. Онҳое ки рад мекунанд, кушта мешаванд (Ваҳй 13,15).

*«Пас, чун нафратоварии харобиро, ки Дониёли пайғамбар ба забон овардааст, дар ҷои муқаддас бар по бинед, – ҳар кӣ хонад, диққат диҳад ...»* Барои онҳое ки Каломи Худоро медонанд, бунёд намудани бут ишорате хоҳад буд, ки Мусибати бузург сар шудааст. Таваҷҷуҳ намоед: Худованд мехоҳад ки ҳар кӣ пайғамбариро хонад, онро фаҳмад.

**24,16** *Онҳое ки дар Яҳудо мебошанд, ба кӯҳистон гурезанд;* дар атрофи Уршалим саҷдаи бутро инкор кардани онҳо зуд ошкор мешавад.

**24,17-19** Хеле шитоб кардан даркор мешавад. Агар одам *дар бом* бошад, вай бояд тамоми чизу чораашро гузорад. Дар вақти ҷамъ намудани чизу чора масъалаи ҳаёт ва мамот ҳал шуда метавонад. Шахсе ки дар киштзор кор мекунад, барои гирифтани *ҷомаи худ,* дар ҳар ҷое ки монда бошад, бояд барнагардад. Занони *ҳомиладор ва* модарони *ширдор* дар вазъияти нороҳат хоҳанд буд – зуд гурехтани онҳо душвор мешавад.

**24,20** Имондорон бояд дуо кунанд, ки ин лаҳзаи вазнин дар *зимистон* фаро нарасад, ки барои сафар хатари иловагӣ дорад, ва низ ба рӯзи *шанбе* рост наояд, вақте масофаи тай мекардаашонро шариат маҳдуд мекунад (Хур. 16,29). Роҳи рӯзи шанбе барои аз минтақаи хатарнок берун омадан кифоят нахоҳад кард.

**24,21** *«Зеро дар он замон чунон мусибати бузурге мешавад, ки аз ибтидои ҷаҳон то ҳол нашудааст ва бори дигар намешавад».* Тасвири зикршуда ин давраро аз ҳамаи давраҳои гузашта ҷудо мекунад: инквизитсия, қатлу ғоратҳо, тозакуниҳои сиёсӣ, кушторҳо ва қатли ом. Ин пайғамбарӣ бо ҳеҷ кадом таъқиботи пештара иҷро шуда наметавонист, зеро аниқ гуфта шудааст, ки ин давра бо омадани дубораи Масеҳ ба анҷом мерасад.

**24,22** Ин мусибат чунон сахт мешавад, ки *агар он айём кӯтоҳ намешуд,* ҳеҷ кас зинда намемонд. Ин наметавонад маънои онро дошта бошад, ки мусибати бузурге ки муддаташ борҳо севу ним сол муайян карда мешуд, кӯтоҳ карда мешавад. Эҳтимол, ин маънои онро дорад, ки Худо ба таври муъҷизанок дарозии соатҳои рӯшноиро, ки ҳангоми он муҳорибаҳо ва кушторҳои бештар рӯй медиҳанд, кӯтоҳ хоҳад кард. Ба *интихобшудагон* (онҳое ки Масеҳро қабул кардаанд) Худованд бо барвақттар фаро расидани торикӣ имконияти гурехтан медиҳад.

**24,23-26** Дар оятҳои 23 ва 24 боз огоҳкунӣ дар бораи *масеҳон ва пайғамбарони бардурӯғ* ҳаст. Дар вазъияти бӯҳронӣ овозаҳо паҳн мешаванд, ки Масеҳ дар ҷои пинҳонӣ мебошад. Ин овозаҳо барои ба даст даровардани онҳое ки омадани Масеҳро самимона ва бо муҳаббат интизоранд, истифода хоҳанд шуд. Бинобар ин Худованд шогирдони Худро огоҳӣ медиҳад, ки ба овозаҳо оид ба омадани маҳдуд ва пинҳонии Ӯ бовар накунанд. Ҳатто муъҷизакорон метавонанд на аз Худо бошанд; муъҷизаҳо аз ҷиҳати пайдоиш шайтонӣ буда метавонанд. Ба он бадкор қувваи шайтоние дода мешавад, ки имкони муъҷиза ба амал оварданро медиҳад (2Тас. 2,9.10).

**24,27** Омадани Масеҳ ошкоро хоҳад буд: он ғайричашмдошт, дар пеши назари омма, умумиҷаҳонӣ ва пурҷалол хоҳад буд. Монанди *барқ* он дар як лаҳза ва ба ҳама намоён мешавад.

**24,28** Ва ҳеҷ кадом вайронии ахлоқӣ аз хашму ғазаб ва доварии Ӯ халосӣ намеёбад. *«Ҳар ҷо лошае бошад, каргасон дар он ҷо ҷамъ мешаванд».* Лоша ифодакунандаи яҳудияту масеҳияти муртад ва ҳамаи системаҳои ҷаҳониест, ки бар зидди Худо ва Масеҳи Ӯ муттаҳид шудаанд. *Каргасон* ифодакунандаи ҷазоҳои илоҳӣ мебошанд, ки бо пайдо шудани Масеҳ фурӯ мерезанд.

### Г. Омадани дубора (24,29-31)

**24,29** Дар анҷоми Мусибати бузург дар осмон дигаргуниҳои даҳшатовар ба амал меоянд. *Офтоб хира мешавад,* ва азбаски рӯшноии моҳ фақат инъикоси нурҳои офтоб аст, *моҳ* низ *рӯшноии худро намедиҳад.* Ситораҳо аз осмон

меафтанд ва сайёраҳо аз мадори худ берун меравurn. Ҳоҷати гуфтан нест, ки чунин дигаргуниҳои фарогири коинот ба обу ҳаво, мадду ҷазр ва фаслҳои сол дар замин чӣ гуна таъсир мекунанд.

Гуфтаҳои Великовский оид ба он ки чӣ буда метавонист, агар ҷирми осмонӣ ба Замин наздик шуда, онро аз меҳвараш берун мебаровард, тасаввуроти хирае оид ба он медиҳад, ки ҳамаи ин чӣ гуна ба амал хоҳад омад:

*Дар ин лаҳза замин аз зилзила такони сахте мехӯрд. Ҳаво ва об аз рӯи инерсия ҳаракатро давом медоданд; тӯфонҳо заминро рӯфта мебурданд, ва баҳрҳо бар қитъаҳо ҷорӣ мешуданд ва бо худ рег, шағал ва ҳайвоноти баҳриро оварда, ба замин мепартофтанд. Гармӣ зиёд мешуд, кӯҳҳо мегудохтанд, вулканҳо оташ меафканданд, гудоза (лава) аз сӯрохиҳо ва кафидаҳои замин ҷорӣ шуда, масоҳатҳои азимро фаро мегирифт. Дар ҳамвориҳо баногоҳ кӯҳҳо пайдо шуда, ба сӯи доманаи кӯҳҳои дигар ҳаракат карда, боло баромада, тарқишҳо ва ҷариҳоро ба вуҷуд меоварданд. Кӯлҳо чаппа шуда, холӣ мегардиданд, дарёҳо маҷрои худро дигар мекарданд, қисмҳои калони хушкӣ, бо тамоми сокинонаш, зери об мешуданд. Ҷангалҳо месӯхтанд ё тӯфонҳо ё баҳрҳои пурғалаён онҳоро аз замин барканда, шохаҳову решаҳоро ба тӯдаҳои азиме ҷамъ меварданд. Баҳрҳо ба биёбонҳо табдил мееёфтанд, ва оби онҳо ҷорӣ шуда мерафт.*[41]

**24,30** *«Он гоҳ аломати Писари Одам дар осмон намудор мешавад».* Ба мо гуфта нашудааст, ки ин чӣ гуна *аломат* хоҳад буд. Ҳангоми омадани якуми Ӯ аломате дар осмон буд – ситора. Шояд ин ситораи аҷиб аз омадани дубораи Ӯ низ хабар хоҳад дод. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки *Писари Одам* Худ *аломат* аст. Ин аломат ҳар гунае ки бошад, ҳангоми пайдо шуданаш он ба ҳама фаҳмо хоҳад буд. *Он гоҳ ҳамаи қабилаҳои рӯи замин навҳа мекунанд* – бешубҳа, аз боиси он ки онҳо Масеҳро рад карданд. Аммо асосан қабилаҳои *ин кишвар*[42] навҳа хоҳанд кард – дувоздаҳ сибти Исроил. «Онҳо бар Ман, ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа мекунанд, барои Ӯ навҳа хоҳанд кард, ва мисли он ки барои нахустзода мотам мегиранд, барои Ӯ мотам хоҳанд гирифт» (Зак. 12,10).

Он гоҳ *«Писари Одамро мебинанд, ки бо қуввату ҷалоли бузург бар абрҳо меояд».* Чӣ лаҳзаи муъҷизанок! Оне ки найза зада шуда ба салиб кашида шуда буд, ҳамчун Худованди ҳаёт ва ҷалол сафед карда мешавад. Исои фурӯтан ва залил ҳамчун Худи Яҳува зоҳир мешавад. Барраи қурбонишуда ҳамчун шери пирӯзманд фуруд хоҳад омад. Дуредгари ҳақир аз Носира ҳамчун Шоҳи шоҳон ва Худованди худовандон хоҳад омад. Абрҳои осмон фойтунҳои Ӯ хоҳанд буд. Ӯ дар қудрат ва шукӯҳи подшоҳӣ хоҳад омад – лаҳзае ки офариниш онро ҳазорон сол бесаброна интизор буд.

**24,31** Ҳангоме ки Ӯ фуруд меояд, *фариштаҳои Худро* ба ақсои замин *мефиристад,* то халқи интихобшудаи худро, Исроилро, ба Фаластин ҷамъ кунад. Аз тамоми гӯшаҳои замин онҳо ҷамъ мешаванд, то ки Масеҳи худро шодбош гӯянд ва аз ҳукмронии пурҷалоли Ӯ лаззат баранд.

## Ғ. Масал дар бораи дарахти анҷир (24,32-35)

**24,32** *«Акнун аз дарахти анҷир масал омӯзед».* Исо боз аз табиат дарси рӯҳонӣ мегирад. Ҳангоме ки шохаҳои дарахти анҷир сабз ва *нарм* мешаванд, *медонед, ки тобистон наздик аст.* Мо дида будем, ки дарахти анҷир рамзи халқи Исроил аст (21,18-22). Исроил садҳо сол дар хоб буд, аз ҳукумати худ, аз замин, парастишгоҳ, рӯҳонияти худ – аз ҳамаи нишонаҳои ҳаёти миллӣ маҳрум буд. Халқ дар тамоми замин пахну парешон буд.

Сипас, дар соли 1948, Исроил миллате бо замини худ, ҳукумат, пул, герб (тамға) ва дигар чизҳои худ шуд. Аммо аз ҷиҳати рӯҳонӣ халқ ҳанӯз бесамар ва сард аст; он барои Худо самар намеорад. Аммо агар оид ба он чун миллат сухан ронем, гуфтан мумкин аст, ки шохаҳои он аллакай сабз ва нарм мебошанд.

**24,33** *«Ҳамчунин шумо чун ҳамаи ин чизҳоро мебинед, донед, ки наздик аст, назди дар аст».* Чун миллат пайдо шудани Исроил на танҳо маънои онро дорад, ки саршавии Мусибати бузург наздик аст, балки маънои онро низ дорад, ки Худи Худованд наздик аст, *назди дар аст!*

Агар барои подшоҳӣ омадани Масеҳ ин қадар наздик бошад, пас, боло бурда шудани Калисо чӣ қадар наздик аст? Агар мо аллакай сояи воқеаҳои пеш аз зоҳиршавии пурҷалоли

Ӯ меомадаро медида бошем, пас, то чӣ андоза мо ба марҳилаи аввали омадани Ӯ наздик ҳастем (1Тас. 4,13-18)?

**24,34** Баъди ишора ба дарахти анҷир Исо илова намуд: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: то ин ҳама рӯй надиҳад, ин насл дарнамегузарад». *«Ин насл»* наметавонад маънои одамонеро дошта бошад, ки ҳангоми дар рӯи замин будани Масеҳ мезистанд; ҳамаи онҳо мурданд, воқеаҳои боби 24-ум бошанд ҳанӯз ба амал наомадаанд. Пас, Худованди мо *«ин насл»* гуфта, чиро дар назар дошт? Ду маънидоди бештар имконпазир ҳаст.

Ф. В. Грант ва дигарон чунин меҳисобанд, ки ин ҷо чунин фикр ниҳон аст: «Ҳамон насле ки ибтидои ин ҳодисаҳоро мебинад, анҷоми онҳоро низ хоҳад дид».[43] Ҳамон одамоне ки чун миллат пешрафт кардани Исроилро мебинанд (ё ибтидои мусибати бузургро), Худованди худро хоҳанд дид, ки бар абрҳо меояд, то дар замин подшоҳӣ кунад.

Маънидоди дигар чунин аст: «насл»-ро бояд ҳамчун «нажод» фаҳмид. Ин тарҷимаи пурра имконпазири калимаи юнонӣ аст, ки маънои одамони ба як қавм, як хел тарбия ва ё як оила таааллуқдоштаро ифода мекунад (Мат. 12,45; 23,35.36). Ҳамин тариқ, Исо огоҳ намуд, ки халқи яҳудӣ зинда мемонад, то иҷроиши ҳамаи ин воқеаҳоро бинад. Бо вуҷуди таъқиботи шадид то имрӯз вуҷуд доштани онҳо муъҷизаи таърих аст.

Аммо, ман чунин фикр мекунам, ки боз як маънидоди иловагӣ ҳаст. Дар замони Исо «ин насл» халқе буд, ки Ӯро ҳамчун Масеҳи худ қабул кардан намехост. Ба андешаи ман, Исо пешгӯӣ мекард, ки халқи яҳудӣ то омадани дубораи Ӯ дар ҳолати радкунии Ӯ боқӣ мемонад. Сипас ҳамаи беитоатӣ нобуд карда мешавад, ва танҳо онҳое ки ихтиёрӣ ба ҳукмронии Ӯ тобеъ мешаванд, нигоҳ дошта мешаванд, то ки ба Подшоҳии Ҳазорсола ворид шаванд.

**24,35** Барои таъкид намудани бетағйир будани пешгӯиҳояш Исо илова намуд, ки *осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ӯ гузарон нест.* Дар бораи *осмони* гузарон сухан ронда, Ӯ на Осмонеро ки қароргоҳи Худост (2Қур. 12,2-4), балки осмони ситораҳо ва атмосфера – гунбази нилгуни осмони болои моро дар назар дошт. Хароб шудани осмону замин дар 2 Петрус 3,10-13 тасвир ёфтааст ва боз дар Ваҳй 20,11 зикр мешавад.

**Д. Рӯз ва соаташ маълум нест (24,36-44)**

**24,36** Оид ба *рӯзу соати* омадани дубораи Ӯ *ғайр аз Падари Ман, ҳеҷ кас намедонад, ҳатто фариштагони осмон.*[44] Ин огоҳиест бар зидди васвасаи муайян намудани вақт ё бовар кардан ба онҳое ки вақтро муайян мекунанд. Моро ба ҳайрат намеорад, ки фариштагон инро намедонанд, чунки онҳо офаридаҳои маҳдуд бо дониши маҳдуд мебошанд.

Агарчи одамони дар арафаи бозомадани Масеҳ мезиста *рӯзу соатро* нахоҳанд донист, ба фикрам, онҳое ки бо пайғамбарӣ шинос ҳастанд, солро дониста метавонанд. Масалан, баъди дар парастишгоҳ насб шудани тасвири бут тақрибан севуним сол хоҳад гузашт (Дон. 9,27; ниг. инчунин Дон. 7,25; 12,7.11; Ваҳй 11,2.3; 12,14; 13,5).

**24,37-39** Дар он рӯзҳо, чун *дар айёми Нӯҳ,* аксари одамон бепарво хоҳанд буд. Агарчи замони пеш аз тӯфон ниҳоят бадахлоқона буд, ин ҷо таъкиди асосӣ на ба он гузошта мешавад. Одамон *мехӯрданд* ва *менӯшиданд, зан мегирифтанд* ва *шавҳар мекарданд;* бо суханони дигар, онҳо тарзи зиндагии одатиашонро давом медоданд, гӯё ҷовидонӣ зистанӣ буданд. Агарчи онҳоро оид ба он чи бояд воқеъ шавад, огоҳӣ дода буданд, онҳо чунон рафтор мекарданд, ки гӯё барои тӯфон дастнорас буданд. Вақте ки тӯфон омад, онҳо омода ва дар ягона ҷои бехатар набуданд. Ҳангоми бозомадани Масеҳ айнан ҳамин тавр мешавад. Танҳо онҳое халосӣ меёбанд, ки дар Масеҳ мебошанд – дар киштии наҷот.

**24,40-41** *Он вақт аз ду нафаре ки дар киштзор ҳастанд, яке* барои маҳкумият *гирифта* мешавад, дигаре *гузошта* мешавад, то ки ба Подшоҳии Ҳазорсола ворид шавад. *Ду зане ки бо дастос машғуланд* – фавран аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Якеро тӯфони ҷазо мебарад, дигаре мемонад, то ки аз баракатҳои подшоҳии Масеҳ баҳравар гардад. (Оятҳои 40 ва 41-ро одатан барои огоҳӣ додани наҷотнаёфтагон ба кор мебаранд, ва ба боло бурда шудани Калисо – марҳилаи аввали омадани Масеҳ истинод мекунанд, вақте Ӯ ҳамаи имондоронро ба осмон мебарад ва ҳамаи беимононро барои маҳкумият мегузорад. Агарчи чунин *истифода бурдани* ин порча мумкин аст, аз матн маълум аст, ки *тафсири он*

алоқаманди ҳамчун Подшоҳ омадани Масеҳ аст.)

**24,42-44** Ба сабаби надонистани рӯзу соат одамон бояд *бедор* бошанд. Агар касе донад, ки ба хонааш зада даромада метавонанд, ӯ ба ин тайёр мешавад, ҳатто агар вақти аниқашро надонад ҳам. Писари Одам он вақте меояд, ки қисми асосии мардум Ӯро интизор нест. Бинобар ин халқи Ӯ бояд бо диққати том интизор шавад.

## Е. Масал оид ба ғуломи бовафо ва бадкирдор (24,45-51)

**24,45-47** Дар ин қисми хулосавии боб Худованд Исо нишон медиҳад, ки дар бораи хислати ҳақиқии ғулом аз рӯи рафтори ӯ, ки бозгаштани Хоҷаашро медонад, баҳо додан мумкин аст. Ҳамаи ғуломон бояд хӯрокро ба аҳли хонавода дар вақташ диҳанд. Аммо на ҳамаи онҳое ки худро ғуломи Масеҳ меноманд, ҳақиқатан ҳамин гунаанд.

Ғуломи бовафо ва доно ҳамонест, ки оид ба халқи Худо ғамхорӣ мекунад. Ин гуна ғулом сазовори иззату эҳтиром хоҳад буд. Ба ӯ кори масъулиятноке дар Подшоҳӣ супорида мешавад. Хоҷааш *вайро бар тамоми дороии худ таъйин мекунад.*

**24,48-51** *Ғуломи бадкирдор* касеро ифода мекунад, ки ба ном имондор аст. Он факт, ки Хоҷааш бояд баргардад, ба рафтори вай таъсир намекунад. Вай *ба задани ғуломони дигар сар мекунад ва бо бадмастон ба хӯрдан ва нӯшидан машғул мешавад.* Ин гуна рафтор нишон медиҳад, ки вай барои Подшоҳӣ тайёр нест. Ҳангоме ки Подшоҳ меояд, Ӯ вайро ҷазо медиҳад ва *насибашро бо дурӯягон баробар мекунад,* ки он ҷо одамон гиря мекунанд ва дандонҳояшонро ғиҷиррос мезананд.

Дар ин масал оид ба бозомадани намоёни Масеҳ ҳамчун Масеҳ-Подшоҳ сухан меравад. Аммо асоси масалро ба боло бурда шудани Калисо низ нисбат додан мумкин аст. Бисёр касоне ки худро масеҳӣ меноманд, бо душманияшон ба халқи Худо ва дӯстияшон бо бехудоён нишон медиҳанд, ки интизори омадани Масеҳ нестанд. Барои онҳо он на маънои баракат, балки маҳкумиятро хоҳад дошт.

## Ё. Масал оид ба даҳ бокира (25,1-13)

**25,1-5** Суханони аввалини *«дар он замон»* ба ақиб, ба боби 24 раҳнамун сохта, ин масалро аниқ ба замони пеш аз баргаштани Подшоҳ ба замин ва ба давраи бозгаштани Ӯ мансуб медонанд. Исо *Подшоҳии Осмонро ба даҳ бокирае монанд* мекунад, *ки чароғҳои худро бардошта ба пешвози домод берун рафтанд. Панҷ нафари онҳо доно буданд* ... ва барои чароғҳои худ *равған* захира намуданд; дигарон онро надоштанд. Дар интизории домод ҳама хобиданд.

Панҷ *доно* ифодакунандаи шогирдони ҳақиқии Масеҳ дар замони Мусибати бузург мебошанд. Чароғҳо оид ба эътирофи имон дарак медиҳанд, равған бошад одатан рамзи Рӯҳулқудс аст. Бокираҳои *нодон* ифодакунандаи онҳое мебошанд, ки нигоҳ доштани умеди Масеҳро эътироф кардаанд, аммо ҳеҷ гоҳ бозгашт накарда буданд ва бинобар ин Рӯҳулқудсро надоранд. *Домод* – Масеҳ, Подшоҳ аст. Дер мондани Ӯ рамзи давраи байни ду омадани Ӯ мебошад. *Хобидани* ҳамаи даҳ бокира далели он аст, ки зоҳиран онҳо фарқе надоштанд.

**25,6** Нисфи шаб хабаре садо дод, ки *домод меояд.* Аз боби пештара мо фаҳмидем, ки омадани Ӯ бо аломатҳои тарсовар пешакӣ маълум карда мешавад.

**25,7-9** *Он гоҳ ҳамаи бокираҳо бархеста, чароғҳои худро тайёр карданд* – ҳама тайёр шудан мехостанд. Нодонҳо, ки равғанашон нарасид, аз дигарон хоҳиш мекарданд, ки андаке ба онҳо диҳанд, аммо онҳоро ба назди *фурӯшандагон* фиристоданд. Рад кардани доноён худхоҳона метобад, аммо дар соҳаи рӯҳонӣ ҳеҷ кас наметавонад Рӯҳро ба дигаре бидиҳад. Албатта, Рӯҳулқудсро харидан имкон надорад, аммо Навиштаи Муқаддас тимсоли бадеии бе пул ва бе пардохтани нарх харидани наҷотро истифода мебарад.

**25,10-12** *Ва ҳангоме ки онҳо барои харидан рафтанд, домод омад.* Нусхаи сурёнии Навиштаи Муқаддас ва Вулгата мегӯянд, ки Ӯ бо арӯсаш омад. Ин пурра ба тасвири пайғамбарона мувофиқат мекунад. Худованд Исо аз никоҳ бо арӯси Худ, Калисо, бармегардад (1Тас. 3,13). (Никоҳ дар осмон пас аз боло бурда шудан ба амал меояд, ниг. Ваҳй 19,7; 21,2.9.) Бақияи амине ки аз Мусибати бузург гузаштааст, ҳамроҳи Ӯ ба базми арӯсӣ ворид мешавад.

Базми арӯсӣ тасвири муносиби хурсандӣ ва баракати подшоҳии заминии Масеҳ аст. Бокираҳои доно *бо вай ба базми арӯсӣ даромаданд, ва дар баста шуд.* Барои ба Подшоҳӣ даромада тавонистани боз ягон каси дигар хеле дер шуда буд. Ҳангоме ки *бокираҳои дигар омада,* даромаданӣ шуданд, домод онҳоро инкор карда, гуфт, ки ҳеҷ гоҳ онҳоро намедонист – далели равшани он ки онҳо ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд.

**25,13** Дарси ибрат аз ин масал, чунон ки Исо гуфт, чунин аст – *бедор будан,* чунки на рӯзи омадани Ӯ маълум аст, на соати он. Имондорон бояд бо дарки он зиндагӣ кунанд, ки Худованд ҳар лаҳза омада метавонад. Оё чароғҳоятон тайёранд ва оё бо равған пур карда шудаанд?

### Ж. Масал оид ба талантҳо (25,14-30)

**25,14-18** Ин масал низ таълим медиҳад, ки дар лаҳзаи бозгаштани Худованд ғуломони бовафо ва бевафо хоҳанд буд. Ин ҳикоя дар бораи *касест,* ки пеш аз рафтанаш ба сафари дур *ғуломони худро* ҷамъ намуда, ба онҳо миқдори гуногуни пулро *супурд, ба ҳар кадом ба қадри қобилияташ.* Яке *панҷ талант* гирифт, дигаре *ду талант* ва охирин *як талант.* Онҳо мебоист ин пулҳоро тавре кор мефармуданд, ки соҳибашон фоида ба даст орад. Касе ки *панҷ талант* гирифта буд, *панҷ таланти дигар* ба даст овард. Шахсе ки *ду талант* гирифта буд, ҳамчунин пулҳояшро дучанд кард. Аммо касе ки *як талант* гирифта буд, рафта ҷуқурие *канд* ва онро *пинҳон кард.*

Дидан душвор нест, ки хоҷаашон Масеҳ аст, ва сафари дурудароз – давраи байни ду омадан. Се ғулом – исроилиҳое мебошанд, ки дар давраи Мусибати бузург зиндагӣ мекунанд ва барои намояндагии манфиатҳои Худованди ғоиб масъул мебошанд. Ба онҳо мувофиқи лаёқатҳояшон масъулиятҳо дода шуда буданд.

**25,19-23** *Пас аз муддати дуру дарозе хоҷаи он ғуломон омада, аз онҳо ҳисобот талаб кард.* Ин тасвири омадани дубораи Масеҳ аст. Ду ғуломи аввал сазовори таҳсини комилан якхела гаштанд: *«Офарин, эй ғуломи нек ва бовафо! Ту дар чизи андак бовафо будӣ, туро бар чизҳои бисёр таъйин мекунам; ба шодии хоҷаи худ шарик шав».* Санҷиши хизмати онҳо на танҳо дар он буд, ки чӣ қадар пул ба даст оварданд, балки то чӣ андоза бо ғайрат меҳнат карданд. Ҳар кадоми онҳо истеъдодҳои худро пурра ба кор бурд ва фоидаи садфоиза ба даст овард. Онҳо ифодакунандагони имондорони ҳақиқӣ мебошанд, ки мукофоташон ҳаловат бурдан аз баракатҳои подшоҳии Масеҳ хоҳад буд.

**25,24-25** Ғуломи сеюм ғайр аз баҳонаҷӯӣ ва таҳқири хоҷааш чизе надошт. Вай хоҷаашро дар он айбдор кард, ки *дилсахт* ва беандеша аст: *«аз ҷое ки накоштаӣ, медаравӣ, ва аз ҷое ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ».* Вай чунин узре пеш меовард, ки аз тарси ӯ *таланти* худро зери хок кард. Ин ғулом, бешубҳа, беимон буд; ҳеҷ ғуломи софдил ба чунин фикрҳо дар бораи хоҷаи худ роҳ намедиҳад.

**25,26-27** *Хоҷааш* вайро дар он айбдор кард, ки вай бадкор ва *танбал* аст. Чаро вай, дар бораи хоҷаи худ чунин фикр карда, *пули* ӯро барои *фоида* гирифтан *ба саррофон надод?* Дар омади гап, дар ояти 26 хоҷа бо айбдоркуниҳо розӣ намешавад. Аниқтараш, ӯ мегӯяд: «Агар ту маро чунин хоҷа ҳисоб мекарда бошӣ, асоси бештаре барои хуб кор фармудани талантат доштӣ. Суханонат туро сафед намекунанд, балки айбдор мекунанд».

**25,28-29** Агар ин одам бо таланти худ боз як талант ба даст меовард, баробари дигарон сазовори таҳсин мешуд. Ба ҷои ин, ҳамаи он чи ӯ нишон дод – чуқурие дар замин буд! *Таланти* вайро *гирифта, ба касе* доданд, ки *даҳ талант* дошт. Аз пайи ин қонуне меояд, ки дар соҳаи рӯҳонӣ муқаррар шудааст: *«Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда мешавад; лекин ҳар кӣ надорад, чизи доштагиаш ҳам аз вай, гирифта мешавад».* Барои онҳое ки баҳри ҷалоли Худо судманд будан мехоҳанд, воситаҳо дода мешаванд. Ҳар қадар бештар фаъолият намоянд, ба онҳо имкониятҳои зиёдтари баҳри Ӯ фаъолият намудан дода мешавад. Ва баръакс, он чиро ки истифода намебарем, аз даст медиҳем. Атрофия (аз кор мондани узвҳо) сазои танбалист.

Зикр шудани *саррофон* дар ояти 27 онро дар назар дорад, ки агар чизи доштагиамонро баҳри Худованд истифода бурдан натавонем, бояд онро ба касоне диҳем, ки ба кор бурда метавонанд. Дар ин маврид *саррофон* миссионерон, ҷамъиятҳои Навиштаи Муқаддас,

нашриётҳои масеҳӣ, барномаҳои масеҳии радио ва ғайра буда метавонанд. Дар ҷаҳоне ба монанди ҷаҳони мо баҳонае пайдо кардан мумкин нест, ки чаро пул ба гардиш монда нашудааст. Пирсон маслиҳатҳои судманд медиҳад:

*Ҷонҳои бечурьат, ки барои хизмати далерона ва мустақилона ба нафъи Подшоҳӣ ношоямaнд, метавонанд ношоямии худро бо тавоноӣ ва кордонии дигарон, ки атоҳои онҳо ва дороии онҳоро баҳри Худованд ва Калисои Ӯ фоиданок мегардонанд, муттаҳид намоянд ... Ғулом пул ва ё дигар бахшоишҳо дорад, ки муфид буда метавонанд, аммо имони кофӣ надорад, дурандешӣ, қувваи амалӣ ва хирадмадиаш камӣ мекунад. «Саррофони Худо» метавонанд ба вай роҳи ба Худованд нафъ оварданро нишон диҳанд ... Калисо қисман ҳамин тавр ҳаёт ва фаъолият дорад, ки қувваи як узв метавонад ба сустии узви дигар ёрӣ диҳад, ва дар натиҷаи фаъолияти якҷоя хурдтарон ва сусттарон қувваи бештаре хоҳанд дошт.*[45]

**25,30** *Ғуломи нобакор* аз Подшоҳӣ ронда шуд. Тақдири пур аз ранҷу азоби гуноҳкорон насиби вай гардид. На дуруст ба кор бурда натавонистани таланти худ боиси маҳкумияти вай гардид, балки, аниқтараш, норасоии корҳои нек нишон дод, ки вай имони наҷотдиҳандаро надошт.

### 3. Подшоҳ халқҳоро доварӣ мекунад (25,31-46)

**25,31** Ин фасл доварӣ бар халқҳоро тасвир мекунад, ки онро бо Курсии доварии Масеҳ ва доварӣ дар назди Тахти бузурги сафед набояд омехта кард.

Доварии Масеҳ – замони азназаргузаронӣ ва мукофотдиҳии имондорон, баъди боло бурда шудан воқеъ мешавад (Рум. 14,10; 1Қур. 3,11-15; 2Қур. 5,9.10). Доварӣ дар назди Тахти бузурги сафед дар абадият пас аз Подшоҳии Ҳазорсола ба вуқуъ мепайвандад. Гуноҳкорони мурда маҳкум гардида, ба кӯли оташи партофта мешаванд (Ваҳй 20,11-15).

Доварӣ бар халқҳо, ё бар ғайрияҳудиён (калимаи юнонӣ ҳам ин ва ҳам он маъноро дошта метавонад) дар замин баъди барои подшоҳӣ омадани Масеҳ воқеъ мешавад, ки ин аз ояти 31 аён аст: *«Ҳангоме ки Писари Одам дар ҷалоли Худ бо ҳамаи фариштагони муқаддас меояд ...»* Агар ин довариро бо Юил 3 як ҳисобидани мо дуруст бошад, пас, маконаш водии Еҳӯшофот берун аз Уршалим аст (Юил 3,2). Халқҳо мувофиқи он ки бо бародарони яҳудии Масеҳ, ҳангоми Мусибати бузург рафтор мекарданд, доварӣ хоҳанд шуд (Юил 3,1.2, 12-14; Мат. 25,31-46).

**25,32** Бояд зикр намуд, ки ин ҷо се навъи одамон зикр мешавад: *«гӯсфандон»*, *«бузҳо»* ва «бародарони Масеҳ». Ду гурӯҳи аввал, ки Масеҳ онҳоро доварӣ мекунад, ғайрияҳудиёни дар замони Мусибати бузург мезиста мебошанд. Навъи сеюм – бародарони Масеҳ, яҳудиёни ба Ӯ содиқ мебошанд, ки бо вуҷуди таъқиботи афзудаистода, ҳангоми Мусибати бузург аз Ӯ даст накашиданд.

**25,33-40** Подшоҳ *гӯсфандонро ба тарафи рост ва бузҳоро ба тарафи чапи Худ ҷой медиҳад*. Сипас Ӯ гӯсфандонро ба Подшоҳии пурҷалол, *ки* аз вақти бунёдшавии ҷаҳон барои онҳо омода шудааст, даъват мекунад. Дар асоси чӣ? Чунки онҳо ҳангоми *гуруснагиаш* ба Ӯ хӯрок доданд; ҳангоми *ташнагиаш* об доданд; ҳангоми *ғариб* буданаш қабул карданд; ҳангоми *бараҳна* буданаш пӯшониданд; ҳангоми *бемориаш* хабар гирифтанд, ва ба *зиндон* барои дидани Ӯ омаданд. Гӯсфандони росткор ҳатто намедонистанд, ки барои Ӯ замоне ин гуна некӣ карда буданд; ҳангоми зистани насли онҳо Ӯ дар замин набуд. Он гоҳ Ӯ ба онҳо фаҳмонд, ки *ба яке аз бародарони хурдтарини* Ӯ ёрмандӣ карда, онҳо ба Ӯ ёрмандӣ кардаанд. Он чи ба яке аз шогирдони Ӯ карда шудааст, ҳамчун шахсан барои Ӯ кардашуда мукофотонида мешавад.

**25,41-45** Ба бузҳои бадкирдор гуфта шуда буд, ки аз Ӯ *дур* шуда, *ба оташи абадие ки барои иблис ва фариштагони вай омода шудааст,* раванд, чунки дар «Замони тангии Яъқуб» барои Ӯ ғамхорӣ накарданд. Вақте ки онҳо узре пеш меоранд, ки ҳеҷ гоҳ Ӯро надидаанд, Ӯ хотиррасон мекунад, ки пайравони Ӯро сарфи назар намуда, Худи Ӯро сарфи назар кардаанд.

**25,46** Ҳамин тариқ, бузҳо *ба азоби абадӣ мераванд,* гӯсфандон бошанд – *ба ҳаёти абадӣ*. Аммо ин ҷо ду мушкилӣ ба миён меояд. Аввалан, тасаввуроте ҳосил мешавад, ки халқҳо ба таври оммавӣ ё халосӣ меёбанд ё ҳалок мешаванд. Сониян, нақл чунин тасаввуроте

медиҳад, ки гӯсфандон ба хотири корҳои неки худ наҷот ёфтаанд, бузҳо бошанд барои ба кори нек қодир набудан маҳкум шудаанд. Оид ба душвории аввал бояд дар хотир дошт, ки Худо бо халқҳо маҳз ҳамин тавр рафтор мекунад. Таърихи Аҳди Қадим пур аз мисолҳоест, ҳангоме халқҳо ба таври оммавӣ барои гуноҳҳояшон ҷазо дида буданд (Иш. 10,12-19; 47,5-15; Ҳиз. 25,6.7; Ом. 1,3.6.9.11. 13; 2,1.4.6; Уб. 10; Зак. 14,1-5). Асосе нест бовар накунем, ки халқҳо дар оянда низ ба қасоси муқаддас гирифтор мешаванд. Ин маънои онро надорад, ки ҳар як намояндаи ин халқ дар алоҳидагӣ ба натиҷаи ин қасос рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Принсипҳои адолати илоҳӣ ҳам дар асоси умумимиллӣ ва ҳам хусусӣ ба кор бурда мешаванд.

Калимаи «этне», ки дар ин порча «халқҳо» тарҷума шудааст, чун «ғайрияҳудиён» низ тарҷума шуда метавонад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин порча довариро бар ғайрияҳудиёни алоҳида тасвир менамояд. Агар доварӣ бар халқҳо ё бар шахсони алоҳида ба ҷо оварда шавад, мушкилие ба миён меояд, ки чӣ гуна чунин миқдори зиёди одамон ба ҳузури Худованд дар Фаластин ҷамъ омада метавонанд. Аз афташ, дурусттараш чунин ҳисобем, ки ба доварӣ намояндагони халқҳо ё синфҳои ҷудогона ҷамъ карда мешаванд.

Оиди душвории дуюм бошад ин порчаро нисбати таълимот оид ба наҷот ба василаи корҳои нек истифода бурдан мумкин нест. Шаҳодати ягонаи Навиштаи Муқаддас дар он аст, ки наҷот на ба василаи корҳои нек, балки бо имон ба даст меояд (Эфс. 2,8.9). Аммо таълимоти Навиштаи Муқаддас онро низ таъкид мекунад, ки имони ҳақиқӣ корҳои нек ба амал меоварад. Набудани корҳои нек далели он аст, ки шахс ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буд. Бинобар ин мо бояд ин ҷойро чунин фаҳмем: ғайрияҳудиён на барои он наҷот меёбанд, ки ба бақияи амини яҳудиён некӣ кардаанд, балки барои он ки ин некӣ ифодакунандаи муҳаббати онҳо ба Худост.

Се фикри дигарро низ зикр намудан лозим аст. Аввалин: гуфта шудааст, ки Подшоҳӣ барои росткорон аз ибтидои офариниш омода шудааст (ояти 34), дар ҳоле ки дӯзах барои иблис ва фариштагони вай омода карда шудааст (ояти 41). Худо одамонро баракат додан мехоҳад: Дар ибтидо дӯзах на барои одамон муқаррар шуда буд. Аммо агар одамон ихтиёран аз ҳаёт даст мекашида бошанд, табиист, ки онҳо маргро интихоб мекунанд.

Фикри дуюм: Худованд Исо оид ба оташи абадӣ (ҳаммазмун бо доимӣ, ояти 41), азоби абадӣ (ояти 46) ва ҳаёти абадӣ (ояти 46) сухан меронд. Оне ки оид ба ҳаёти абадӣ таълим медиҳад, оид ба ҷазои абадӣ низ таълим медод. Азбаски худи ҳамон калимаи «абадӣ» ҳам барои тасвири ҳаёт ва ҳам барои ҷазо истифода мешавад, якеро эътироф карда, дигареро рад кардан аз рӯи мантиқ нест. Агар калимае ки «абадӣ» тарҷума шудааст, маънои «доимӣ»-ро надошта бошад, пас дар забони юнонӣ калимае нест, ки ин маъноро ифода кунад. Аммо мо медонем, ки он дар ҳақиқат маънои «доимӣ»-ро дорад, чунки барои тасвири абадияти Худо истифода шудааст (1Тим. 1,17).

Ва ниҳоят, доварӣ бар ғайрияҳудиён ба мо онро хотиррасон мекунад, ки Масеҳ ва халқи Ӯ ягонаанд: ҳар чи ба онҳо дахл дорад, ба Ӯ низ дахл дорад. Мо имконоти зиёде дорем, ки ба дӯстдорони Худо некӣ карда, ба Ӯ некӣ кунем.

## XIV. АЗОБ ВА МАРГИ ПОДШОҲ (Б. 26 ва 27)

### А. Суиқасд барои куштани Исо (26,1-5)

**26,1-2** Бори чорум ва охирин дар ин Инҷил Худованди мо огоҳ мекунад, ки Ӯ бояд бимирад (16,21; 17,23; 20,18). Хабари Ӯ ба он ишора менамуд, ки вақти мушоракати онҳо дар байни Песаҳ ва ба салиб кашида шудани Ӯ ба охир мерасад: *«Шумо медонед, ки пас аз ду рӯз иди Песаҳ аст, ва Писари Одам таслим карда мешавад, то ба салиб кашида шавад»*. Дар ин сол Песаҳ маънои аслии худро пайдо мекард. Барраи Песаҳ ниҳоят пайдо шуд ва ба наздикӣ кушта мешавад.

**26,3-5** Айнан ҳамон вақте ки Ӯ ин суханонро мегуфт, *саркоҳинон ва китобдонон ва пирони қавм дар ҳавлии саркоҳин, ки Қаёфо ном дошт, ҷамъ омаданд,* то ки стратегияи худро бияндешанд. Онҳо мехостанд Исоро пинҳонӣ ҳабс намуда кушанд, аммо дар вақти *ид* ба ҷо овардани инро оқилона намеҳисобиданд – *мардум* бар зидди қатли Ӯ баромада метавонистанд. Боварнокарданист: роҳбарони динии Исроил маслиҳат мекарданд, ки

Масеҳи худро ба қатл расонанд. Онҳо мебоист аввалин шуда Ӯро эътироф мекарданд ва Подшоҳ эълон менамуданд. Ба ҷои ин онҳо дар сафи пеши душманони Ӯ буданд.

### Б. Тадҳини Исо дар Байт-Анё (26,6-13)

**26,6-7** Ин ҳодиса дар байни хиёнати коҳинон, тангназарии шогирдон ва ҳилагарии Яҳудо сабукии дилхоҳро медиҳад. *Ҳангоме ки Исо дар Байт-Анё дар хонаи Шимъуни махавӣ буд, зане бо зарфи гаҷине пур аз равғани хушбӯйи гаронбаҳо назди Ӯ омад* ва онро *бар сари Ӯ рехт.* Гаронбаҳоии қурбонии ин зан умқи вафодорияшро ба Худованд Исо нишон дод, ва дар асл гӯё мегуфт, ки дар ҷаҳон ҳеҷ чизе нест, ки барои Ӯ аз ҳад зиёд хуб бошад.

**26,8-9** *Шогирдони Ӯ,* ва аз ҷумла Яҳудо (Юҳ. 12,4.5), ин амалро *исрофкории* зиёд ҳисобиданд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ин пулро *ба камбағалон додан* беҳтар мебуд.

**26,10-12** Исо фикрронии нодурусти онҳоро ислоҳ намуд. Рафтори зан беҳуда не, балки олидараҷа буд. Бештар аз ин, он пурра бамаврид буд. Ба камбағалон ҳамеша ёрдам додан мумкин аст. Аммо Наҷотдиҳанда танҳо як бор дар таърих барои дафн тадҳин шуда метавонист. Он соат даррасид, ва ягона *зан,* ки фаросати рӯҳонӣ дошт, онро фаҳмид. Ба пешгӯии Худованд оид ба маргаш бовар карда, вай, аз афташ, қарор дод: ҳозир ва ё ҳеҷ гоҳ. Чунон ки маълум шуд, ҳақ ба ҷониби вай буд. Ба занҳои дигар, ки *пас* аз дафн бадани Ӯро тадҳин карданӣ буданд, растохези Ӯ халал расонд (Марқ. 16,1-6).

**26,13** Худованд Исо ин рафтори пурмуҳаббати вайро намиранда гардонд: *«Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар тамоми ҷаҳон ҳар ҷо, ки Инҷил мавъиза шавад, кори вай низ барои ёдоварии вай зикр меёбад».* Ҳар гуна амали парастиши ҳақиқӣ саҳнҳои осмониро муаттар мегардонад ва дар хотири Худованд ҷовидонӣ навишта мешавад.

### В. Хиёнати Яҳудо (26,14-16)

**26,14-15** *Он гоҳ яке аз он дувоздаҳ* – яке аз шогирдон, ки ҳамроҳи Исо мезист, бо Ӯ роҳ мерафт, мӯъҷизаҳои Ӯро медид, таълимоти бемонанди Ӯро мешунид ва мӯъҷизаи ҳаёти бегуноҳро медид, – оне ки Исо вайро «касе ки бо ман дӯст буд ... ва ӯ нони маро мехӯрд» номида метавонист (Заб. 40,10), – пошнаи худро ба Худованд бардошт. *Яҳудои Исқарютӣ пеши сардорони коҳинон рафт* ва розӣ шуд, ки дар ивази *сӣ тангаи нуқра* Устоди худро фурӯшад. Коҳинон – ба шармандагии вай – миқдори ҳақиронаи пулро, ки тақрибан ба понздаҳ доллар баробар аст, доданд.

Тазод байни Яҳудо ва зане ки Исоро дар хонаи Шимъун тадҳин намуд, ҳайратовар аст. Зан Наҷотдиҳандаро хеле гиромиқадр ва боарзиш меҳисобид, Яҳудо бошад арзиши каме ба ӯ қоил буд.

**26,16** Ҳамин тариқ, оне ки аз Исо ба ғайр аз некӯӣ чизи дигар надида буд, равона шуд, то қисми ба ӯ дахл доштаи суиқасди даҳшатоварро тайёр кунад.

### Г. Песаҳи охирин (26,17-25)

**26,17** *Рӯзи аввали иди Фатир* буд – вақте ки ҳама гуна хамиртуруш аз хонаи яҳудиён дур карда мешуд. Кадом андешаҳо ҳуши Худовандро фаро гирифта буданд, ҳангоме ки Ӯ *шогирдонро* ба Уршалим барои *тайёр* кардани *песаҳ* фиристод. Ҳар як ҷузъиёти шом маънои талх хоҳад дошт.

**26,18-20** Исо шогирдонро фиристод, ки шахси номаш зикрнашударо ҷустуҷӯ кунанд, то ӯ онҳоро ба хонаи барои шом таъйиншуда барад. Шояд, ноаниқии дастурот барои роҳгум занондани суиқасдчиён андешида шуда буд. Ба ҳар ҳол, мо пайхас менамоем, ки Исо ҳама чизро дар бораи шахсиятҳо, ҷои онҳо ва омодагиашон барои бо Ӯ ҳамкорӣ кардан медонист. Ба суханони Ӯ аҳамият диҳед: «Устод мегӯяд: Вақти Ман наздик аст, ва Песаҳро бо шогирдони Худ дар хонаи ту мегузаронам. Ӯ марги наздик омадаро ботамкин пешвоз гирифт. Ӯ шомро бо назокати том ташкил намуд. Чӣ имтиёзе барои ин одами номаълум – барои Песаҳи охирин пешниҳод намудани хонаи худ!»

**26,21-24** Вақте ки ҳама мехӯрданд, Исо эълони ҳайратоваре кард, ки *яке аз* дувоздаҳ Ӯро *таслим мекунад.* Шогирдон пур аз ғаму андӯҳ ва шубҳа шуданд. Яке паси дигар онҳо

мегуфтанд: *«Хоҷаам, оё он манам?»* Вақте ки ба ғайр аз Яҳудо ҳама пурсиданд, Ӯ гуфт, ки ин ҳамонест, ки *бо Ӯ даст дар табақ меандозад.* Худованд луқмаи нонро гирифта, ба соуси гӯштӣ ғӯтонда ба Яҳудо дод (Юҳ. 13,26) – аломати махсуси муҳаббат ва хайрхоҳӣ. Ӯ ба онҳо хотиррасон намуд, ки ҳар он чи бо Ӯ рӯй медиҳад, ногузир аст. Аммо ин чиз хиёнаткорро аз масъулият озод намекард: *«Барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд намешуд»*. Яҳудо дидаву дониста интихоб намуд, ки Наҷотдиҳандаро таслим намояд ва бинобар ин барои рафтораш шахсан ҷавобгар буд.

**26,25** Ҳангоме ки Яҳудо, ниҳоят, саволи бемаъное дод, ки оё ин вай аст, Исо ҷавоб дод: «Ҳа»

## Ғ. Аввалин Шоми Худованд (26,26-29)

Аз Юҳанно 13,30 мо мефаҳмем, ки Яҳудо луқмаи нонро гирифта, дарҳол берун рафт; ва шаб буд. Бинобар ин мо метавонем хулоса барорем, ки ҳангоми муқаррар намудани Шом вай ҳозир набуд (агарчи оид ба ин масъала ихтилофи назар ҳаст).

**26,26** Пас аз он ки Песаҳи охирин барпо шуд, Худованд он чиро муқаррар намуд, ки мо Шоми Худованд меномем. Унсурҳои ташкилдиҳанда – нон ва май – аллакай дар рӯи дастурхон ҳамчун қисми шоми Песаҳ буданд. Исо ба онҳо маънои нав дод. Аввал Ӯ *нонро гирифта, шукргузорӣ намуд ва пора кард.* Онро *ба шогирдон дода, Ӯ гуфт: «Гиред, хӯред, ин бадани Ман аст»*. Азбаски бадани Ӯ ҳанӯз ба салиб кашида нашуда буд, аён аст, ки Ӯ нонро – рамзи бадани Худро – истифода бурда, маҷозан сухан меронд.

**26,27-28** Худи ҳамин гуфтаҳо барои *коса* ҳам дуруст аст; зарф барои баён намудани чизи дар дохили он буда истифода шудааст. Дар зарф самари ангур буд, ки дар навбати худ рамзи *Хун аз аҳди нав* буд. Ин паймони бешарти файз бо *хуни* поки Ӯ тасдиқ карда хоҳад шуд, ки барои бисёриҳо баҳри таъмини бахшида шудани гуноҳҳо рехта мешавад. Хуни Ӯ кофӣ буд, ки омурзиши ҳамаро таъмин намояд. Аммо ин ҷо хун ба он маъно *барои бисёр касон рехта* мешуд, ки он танҳо танҳо барои дур кардани гуноҳҳои имондорон таъсирбахш буд.

**26,29** Сипас Наҷотдиҳанда ба онҳо хотиррасон намуд, *ки минбаъд аз ин шираи ангур* наменӯшад, *то ҳамон рӯзе* ки ба замин барои подшоҳӣ кардан бармегардад. Он гоҳ май маънои нав хоҳад дошт: он аз хурсандӣ ва баракати *Подшоҳии Падари* Ӯ дарак хоҳад дод.

Аксар вақт саволе пайдо мешавад: барои Шоми Худованд чиро истифода барем – нони хамиртурушдор ё бе хамиртуруш, майи ҷӯшида ё наҷӯшида? Фақат андаке шубҳа ҳаст, ки Худованд нони бехамиртуруш ва майи ҷӯшидаро ба кор бурд (он замон ҳама гуна оби ангур ҷӯшида буд). Онҳое ки «нони хамиртурушдор ба рамз мувофиқат намекунад» мегӯянд (хамиртуруш одатан тимсоли гуноҳ аст), бояд фаҳманд, ки худи ҳамин чиз барои май низ дуруст аст. Ин бадбахтист, вақте мо то дараҷае машғули унсурҳои ташкилдиҳанда ҳастем, ки тавони дидани Худи Худовандро надорем. Павлус ба он диққати махсус медиҳад, ки на худи нон, балки маънои рӯҳонии он муҳим аст. «Песаҳи мо, Масеҳ, барои мо кушта шудааст. Бинобар ин идро на бо хамиртуруши кӯҳна, на бо хамиртуруши кина ва бадӣ, балки бо фатири покӣ ва ростӣ ба ҷо меоварем» (1Қур. 5,7.8). На хамиртуруш дар *нон,* балки хамиртуруш дар *ҳаёти* мо аҳамият дорад!

## Д. Шогирдони худбовар (26,30-35)

**26,30** Баъди Шоми Худованд гурӯҳи хурд сурудеро хонд, ки эҳтимол, аз Забур 112-117 гирифта шуда буд – «Ҳалели Бузург». Сипас онҳо аз Уршалим баромада, аз Қидрӯн гузаштанд ва аз нишебии ғарбии кӯҳи Зайтун ба боғи Ҷатсамонӣ баромаданд.

**26,31** Дар давоми хизматгузории заминии Худ Худованд Исо софдилона дар бораи роҳи дар пеш истода огоҳӣ медод. Акнун бошад Ӯ ба онҳо гуфт, ки *имшаб* ҳамаи онҳо Ӯро тарк хоҳанд кард. Ҳангоме ки онҳо шиддати тӯфони саршударо мебинанд, ба ҳарос меафтанд. Барои халос кардани ҳаёти худ онҳо Устодро тарк мекунанд. Пешгӯии Закарё иҷро мешавад: «Чӯпонро мезанам, ва гӯсфандони рама пароканда мешаванд» (Зак. 13,7).

**26,32** Аммо Ӯ онҳоро бе умед намемонад. Агарчи онҳо аз ҳамроҳи Ӯ будан шарм хоҳанд дошт, Ӯ онҳоро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад. Баъди аз мурдагон бархостани Худ Ӯ бо онҳо

дар *Ҷалил* вомехӯрад. Дӯсти Аҷиб, ки ҳеҷ гоҳ тарк намекунад!

**26,33-34** Петрус зуд Каломи Худовандро бурида, гуфт, ки агарчи дигарон метавонанд Ӯро тарк кунанд, вай *ҳаргиз* ин корро намекунад. Исо «ҳаргиз»-ро ба *«ҳамин шаб ... се бор»* иваз намуд. Пеш аз он ки хурӯс бонг занад, ин шогирди пурҳарорат се бор аз Устоди худ даст мекашад.

**26,35** Вафодории худро ҳимоя намуда, *Петрус* таъкид мекард, ки беҳтараш ҳамроҳи Масеҳ *мемурад,* аммо Ӯро *инкор* намекунад. Ҳамаи шогирдон ҳамин чизро мегуфтанд. Онҳо самимӣ буданд, вале онҳо дилҳои худашонро намедонистанд.

## Е. Ҳолати назъ дар боғи Ҷатсамонӣ (26,36-46)

Ҳеҷ кас наметавонад бе дарки он ки дар замини муқаддас қадам мезанад, ба тасвири боғи Ҷатсамонӣ пардозад. Ҳар касе ки ин оятҳоро тафсир карданӣ мешавад, тарси боэҳтиромона ва худдориро эҳсос менамояд. Чунон ки Гай Кинг навишта буд, «Хусусияти олидараҷаи ҳодисаҳои дар ин ҷо рӯйдода водор месозад тарсем, ки банохост бо расидани даст ба он осебе нарасонем».

**26,36-38** Ба *Ҷатсамонӣ* (маъноаш «чалаки зайтун» ё «чархушти зайтун») даромада, *Исо ба шогирдон,* ба ҳашт нафар аз ёздаҳ, фармуд, ки *шинанд* ва Ӯро интизор шаванд, сипас *Петрус ва ҳар ду писари Забдойро* бо худ гирифта ба даруntари боғ рафт. Оё аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки шогирдони гуногун лаёқатҳои гуногуни ба Наҷотдиҳанда дар ҳолати назъаш ҳамдардӣ кардан доранд?

*Ӯ хеле ғамгин ва дилтанг шуд.* Ӯ рӯйрост ба Петрус, Яъқуб ва Юҳанно иқрор шуд, ки *ҷони* Ӯ аз шиддати ғам наздик ба марг аст. Бешубҳа, ин тағйироти ногаҳонии ҷони поки Ӯ буд, чунки Ӯ пешакӣ пай бурд, ки барои гуноҳ бахри мо қурбонӣ мешавад. Мо, гуноҳкорон, ба худ тасаввур ҳам карда наметавонем, ки барои Ӯ, Бегуноҳ, бахри мо ба гуноҳ табдил ёфтан чӣ маъно дошт (2Қур. 5,21).

**26,39** Ҳайратовар нест, ки Ӯ ин се нафарро гузошта, ба боғ *каме пештар* рафт. Дигар касе наметавонист азоби Ӯро бо ҳам бинад ё бо дуои Ӯ дуо гӯяд: *«Эй Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман гузарад; лекин на хости Ман, балки хости Ту шавад».*

Суханони Ӯро дар Юҳанно 12,27.28 ба ёд меорем, то гумон накунем, ки ин дуо зиддият кардан ё хоҳиши баргаштанро ифода мекунад: «Акнун ҷони Ман парешон аст; чӣ гӯям? Эй Падар! Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам. Эй Падар! Номи Худро ҷалол деҳ!» Яъне *«ин коса аз Ман гузарад»* гуфта, Ӯ халосӣ аз салибро талаб намекард. Ӯ ба ҷаҳон маҳз барои ҳамин омад!

Дуои Ӯ риторикӣ буд, яъне он ҷавоб талаб намекард, балки барои дарси ибрат додан гуфта шуда буд. Дигар хел карда гӯем, Исо мегуфт: «Падари Ман! Агар барои наҷот ёфтани ин гуноҳкорони бехудо, ғайр аз роҳи Ман ба салиб, ягон роҳи дигаре мавҷуд бошад, онро ҳозир ошкор намо! Аммо бо вуҷуди ин Ман мехоҳам, то Ту бидонӣ: Ман ҳеҷ чизеро, ки хилофи иродаи Туст, намехоҳам».

Ҷавоб чӣ гуна буд? Ҳеҷ гуна ҷавоб набуд. Осмонҳо хомӯш буданд. Аз ин хомӯшӣ мо медонем: Худо барои сафед кардани гуноҳкорони айбдор роҳи дигаре надошт, магар ин ки Наҷотдиҳандаи бегуноҳ ҳамчун Ивазкунандаи мо бимирад.

**26,40-41** Ба назди шогирдон баргашта, *Ӯ онҳоро хобида ёфт. Рӯҳи* онҳо *хоҳон* буд, *лекин ҷисм нотавон.* Агар мо дар бораи ҳаёти дуогӯёнаи худ фикр кунем, ба маҳкум кардани онҳо ҷуръат намекунем. Мо аз дуо гуфтан дида беҳтар мехобем; ҳангоме ки фикрҳои мо бояд бедор бошанд, онҳо парешонанд. Худовандро бисёр лозим меояд, ки ба мо, чун ба Петрус, бигӯяд: *«Оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед? Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед».*

**26,42** Ӯ *бори дигар рафта дуо кард,* ва итоати Худро ба иродаи Падар изҳор намуд. Ӯ омодааст, то косаи азоб ва маргро то охир бинӯшад.

Ӯ ноилоҷ дар ҳаёти дуогӯёнаи Худ танҳо буд. Ӯ ба шогирдон дуо гуфтанро ёд медод, ва Ӯ дар назди онҳо дуо мегуфт, аммо Ӯ ҳеҷ гоҳ *ҳамроҳи* онҳо дуо намегуфт. Бинобар беҳамтоии Шахсият ва хизмати Ӯ иштироки дигарон дар ҳаёти дуогӯёнаи Ӯ имкон надошт.

**26,43-45** Ҳангоме ки Ӯ бори дуюм ба назди шогирдон омад, *онҳо* боз *хобида* буданд. Инчунин бори сеюм: Ӯ дуо гуфт, онҳо хоб буданд. Ана ҳамон вақт Ӯ ба онҳо гуфт: «Шумо

ҳанӯз мехобед ва истироҳат мекунед? Инак соат расидааст, ва Писари Одам ба дасти гуноҳкорон таслим карда мешавад».

**26,46** Имконияти бо Ӯ бедор будан, ҳангоме ки Ӯ бедор буд, аз даст рафта буд. Аллакай қадамҳои хиёнаткор шунида мешуданд. Исо гуфт: *«Бархезед, равем»* – на ба ақиб, балки ба пешвози душман.

Пеш аз он ки мо боғро тарк кунем, биёед бозмеистем, то гиряи талхи Ӯро бишнавем, амиқии андӯҳи Ӯро ҳис кунем ва аз самими дил ба Ӯ ташаккур гӯем.

### Ё. Исо дар Ҷатсамонӣ таслим ва ҳабс карда шуд (26,47-56)

Аз тарафи яке аз офаридаҳояш таслим карда шудани Наҷотдиҳанда ҳодисаи ғайриодии ҳайратовартарини таърих аст. Агар вайронии инсон намебуд, мо саргаранг шуда, фаҳмонида наметавонистем, ки чӣ боиси хиёнати нобахшидании Яҳудо гардид.

**26,47** Ҳангоме ки Исо *ҳанӯз* бо ёздаҳ нафар *сухан мегуфт, Яҳудо* бо гурӯҳе ки бо *шамшеру* калтакҳо мусаллаҳ буд, омад. Албатта, силоҳ дар нақшаи Яҳудо набуд, вай ҳеҷ гоҳ муқобилат нишон додан ва Худро дифоъ кардани Наҷотдиҳандаро надида буд. Шояд, силоҳ ифодакунандаи қарори қатъии саркоҳинон ва пирон буд, ки Исоро дастгир кунанд ва ба Ӯ имконе барои гурехтан надиҳанд.

**26,48** Яҳудо мебоист бӯсаро ҳамчун нишонаи ёрӣ барои тӯда истифода мебурд, то ки Исоро аз шогирдонаш фарқ кунонад. Рамзи умумии муҳаббат мебоист то ба чунин дараҷаи пасти истифода таҳриф мешуд.

**26,49** Ба Исо наздик шуда, Яҳудо гуфт: *«Салом, эй Устод!»* – сипас *Ӯро бӯсид*. Дар ин ҷо ду калимаи гуногун, ки маънои бӯсаро доранд, истифода шудаанд. Якумаш, дар ояти 48, калимаи маъмулӣ аст, ки маънояш бӯса аст. Аммо дар ояти 49 калимаи қавитаре истифода шудааст, ки маънои бӯсаи такрорӣ ё намоишкоронаро дорад.

**26,50** *Исо* оромона, бо борикбинии ҳайратовар пурсид: *«Эй рафиқ! Барои чӣ омадӣ?»* Бешубҳа, ин савол ба сари Яҳудо гӯё оби ҷӯш рехт, аммо акнун ҳодисаҳо зуд ба вуқуъ мепайвастанд. Тӯда мудохила намуда, Исоро фавран дастгир кард.

**26,51** Яке аз шогирдон – аз Юҳанно 18,10 мо медонем, ки ин Петрус буд – *даст ба шамшер бурда, онро аз ғилоф кашид ва ба ғуломи саркоҳин зада, гӯши вайро бурид.* Аз эҳтимол дур аст, ки Петрус гӯшро ба нишон гирифта бошад, вай зарбаи марговар заданӣ буд. Ҳам мақсади вай ва ҳам ақидаи вай оид ба пешбинии Худо бад ва раҳмангез буд.

**26,52** Бузургии ахлоқии Худованд Исо дар ин ҷо низ бо нури равшани худ рӯшноӣ мебахшад. Аввал Ӯ Петрусро сарзаниш намуд: *«Шамшери худро ғилоф кун, зеро ҳар кӣ шамшер кашад, аз шамшер мемурад».* Дар Подшоҳии Масеҳ ғалабаро бо воситаҳои ҷисмонӣ ба даст намеоранд. Дар муборизаи рӯҳонӣ ба қувваи силоҳ даст задан – ба бало гирифтор шудан аст. Бигузор душманони Подшоҳӣ шамшерро ба кор баранд, онҳо ба мағлубияти ниҳоӣ дучор хоҳанд шуд. Ҷанговари Масеҳ бошад ба дуо, ба Каломи Худо ва қувваи ҳаёти пур аз Рӯҳ рӯ меоварад.

Аз Луқои табиб мо медонем, ки Исо гӯши Малхро – шахси осебдида чунин ном дошт – шифо дод (Луқ. 22,51; Юҳ. 18,10). Магар ин зуҳуроти ҳайратовари раҳмдилӣ нест? Ӯ онҳоеро, ки аз Ӯ нафрат доштанд, дӯст медошт, ва ба онҳое ки Ӯро аз ҳаёт маҳрум карданӣ буданд, меҳрубонӣ нишон медод.

**26,53-54** Агар Исо ба ин тӯда муқобилат карданӣ мешуд, Ӯ бо шамшери ночизи Петрус маҳдуд намешуд. Ӯ метавонист ҳамон замон талаб кунад, ва барои Ӯ *зиёда аз дувоздаҳ сипоҳ фариштаҳо* (аз 36 то 72 ҳазор) фиристода мешуданд. Аммо ин кор нақшаи Худоро барҳам мезад. Пешгӯии Навиштаҳо оид ба хиёнат ба Ӯ, азобҳо, ба салиб кашида шудан ва растохези Ӯ бояд иҷро мешуд.

**26,55** Сипас *Исо* ба тӯда ёдрас намуд, ки барои дастгир намудани Ӯ бо силоҳ *баромадан* бемаъно буд. Ҳеҷ гоҳ касе надида буд, ки Ӯ ба зӯроварӣ муқобилат карда бошад, ё дар ғоратгарӣ ҳамдаст бошад. Аниқтараш, Ӯ Устоди ором буд, ки *ҳар рӯз* дар *маъбад* менишаст. Онҳо ба осонӣ дар он ҷо Ӯро дастгир карда метавонистанд, аммо накарданд. Барои чӣ акнун бо *шамшеру калтакҳо* омадаанд? Мулоим карда гӯем, рафтори онҳо оқилона набуд.

**26,56** Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Наҷотдиҳанда дарк менамуд, ки бадии инсон танҳо дар мувофиқат бо нақшаи Худо муваффақ мешавад. *«Лекин ин ҳама шуд, то ки навиштаҳои*

*пайғамбарон ба амал оянд».* *Шогирдон* фаҳмиданд, ки Устоди онҳо аллакай халос намешавад, ва ҳамаашон *Ӯро вогузошта* ҳаросон *гурехтанд.* Агар буздилии онҳо нобахшиданӣ бошад, пас, тарсидани мо боз ҳам бештар нобахшиданист. Онҳо ҳанӯз аз Рӯҳулқудс пур нашуда буданд, мо бошем онро дорем.

### Ж. Исо дар назди Қаёфо (26,57-68)

**26,57** Худованд Исо ду бор доварӣ карда шуд: доварии динӣ дар назди роҳбарони яҳудӣ ва доварии шаҳрвандӣ дар назди ҳокимияти румӣ. Муқоисаи гуфтаҳои ҳар чор Инҷил нишон медиҳад, ки ҳар як доварӣ дар се марҳила мегузашт. Навиштаҳои Юҳанно нишон медиҳанд, ки дар аввал Исоро ба назди Ҳонон, хусури Қаёфо, оварданд. Тасвири Матто аз марҳилаи дуюм сар мешавад – дар хонаи *саркоҳин Қаёфо.* Он ҷо синедрион (шӯрои пирон) *ҷамъ омада* буд. Одатан ба айбдоршавандагон имкон дода мешуд, ки барои ҳимоя омода шаванд. Аммо роҳбарони беандешаи динӣ шитобкорона Исоро аз зиндон ва доварии одилона маҳрум карданд (ниг. Иш. 53,8).

Худи ҳамин шаб фарисиён, саддуқиён, *китобдонон ва пирон,* ки синедрионро ташкил медоданд, беэҳтиромии пурраи худро ба қонунҳое ки бояд мувофиқи онҳо рафтор менамуданд, нишон доданд. Онҳо ҳақ надоштанд, ки шабона ё ҳангоми ягон иди яҳудӣ ҷамъ шаванд. Ба онҳо барои баёноти бардурӯғ бо ришва харидани шоҳидон низ номумкин буд. Ҳукми қатлро пеш аз гузаштани шаби дигаре иҷро намудан мумкин набуд. Ва агар онҳо дар Толори сангҳои тарошида дар ҳудуди парастишгоҳ ҷамъ нашуда бошанд, қарори онҳо ҳукми қонунро надошт. Барои зудтар аз Исо халос шудан ҳайати роҳбарияти яҳудӣ шарм надошта, то дараҷаи вайрон кардани қонунҳои худашон паст фаромаданд.

**26,58** Қаёфо довари раисикунанда буд. Синедрион, аз афташ, ҳам вазифаи ҳакамон, ва ҳам вазифаи айбдоркунандагонро иҷро мекард – якҷоягии ғайриодӣ, агар мулоим карда гӯем. Исо айбдоршаванда буд. Петрус бошад аз масофаи бехатар мушоҳида мекард: вай *бо нигаҳбонон нишаст, то анҷоми корро бинад.*

**26,59-61** Ёфтани *гувоҳии бардурӯғе бар зидди Исо* барои роҳбарони яҳудӣ душвор буд. Онҳо ба муваффақияти бештаре ноил мешуданд, агар вазифаи аввалиндараҷаи худро дар мурофиаи ҳуқуқӣ адо намуда, далелҳои бегуноҳии Ӯро меҷустанд. Ниҳоят, *ду гувоҳи* дурӯғгӯй суханони таҳрифшудаи Исоро пешниҳод карданд: «Ин ибодатхонаро вайрон кунед, ва дар се рӯз Ман онро барпо мекунам» (Юҳ. 2,19-21). Мувофиқи гуфтаҳои онҳо, Ӯ таҳдид мекард, ки *ибодатхонаи* Уршалимро *вайрон* мекунад, ва сипас аз нав месозад. Аммо дар асл Ӯ марги Худ ва сипас зинда шудани Худро пешгӯӣ карда буд. Акнун яҳудиён пешгӯии Ӯро ҳамчун далел барои қатли Ӯ истифода мебурданд.

**26,62-63** Ҳангоми ҳамаи ин айбдоркуниҳо Худованд Исо ҳеҷ чиз намегуфт: *«Мисли баррае ки назди пашмтарошонаш безабон аст, Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард»* (Иш. 53,7). Саркоҳин аз хомӯшии Ӯ хашмгин шуда, ба Ӯ фишор меовард, то ҷавобе диҳад. Наҷотдиҳанда бошад аз ҷавоб додан худдорӣ мекард. Он гоҳ саркоҳин ба Ӯ гуфт: «Туро ба Худои зинда қасам медиҳам, ба мо гӯй, ки оё Ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?» Шариати Мусо талаб мекард, ки агар коҳин яҳудиро қасам диҳад, вай бояд ҷавоб диҳад (Иб. 5,1).

**26,64** Азбаски Исо яҳудии итоаткоре буд, ки шариатро риоя мекард, ҷавоб дод: *«Ту гуфтӣ».* Сипас Ӯ Масеҳ ва Худо будани Худро боз ҳам қатъитар тасдиқ намуд: *«Аммо Ман ба шумо мегӯям: пас аз ин Писари Одамро мебинед, ки аз дасти рости Қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд».* Дар асл Ӯ чунин мегуфт: «Ман Масеҳ, Писари Худо ҳастам, чунон ки ту гуфтӣ. Ҳозир ҷалоли Ман дар ҷисми одамӣ ниҳон аст; Ман тамоман чун одамони дигар метобам. Шумо Маро дар рӯзҳои хориям дида истодаед. Аммо рӯзе фаро мерасад, ки шумо, яҳудиён, Маро чун Ҷалолёфта, ки аз ҳама ҷиҳат баробари Худост, аз дасти рости Ӯ бар абрҳои осмон меомада мебинед».

Дар ояти 64 ҷонишини «вай» ба Қаёфо дахл дорад. «Шумо» ба он исроилиёне дахл дорад, ки дар вақти зуҳури пурҷалоли Масеҳ зиндагӣ хоҳанд кард ва возеҳан хоҳанд дид, ки Ӯ Писари Худост.

Ленскӣ менависад: «Баъзан мегӯянд, ки Исо ҳеҷ гоҳ Худро Писари Худо наномидааст. Дар ин ҷо (ояти 64) Ӯ *қасам мехӯрад,* ки Ӯ маҳз Писари Худо аст».[46]

**26,65-66** Саволи Қаёфо ба ҳадаф расид. Исо ба пайғамбарии Дониёл оид ба Масеҳ ишора намуд: «Дар рӯъёҳои шаб ман дидам, ва инак мисли Писари одам бо абрҳои осмон меомад, ва то Атиқулайём расид, ва ба ҳузури Ӯ наздик оварданд» (Дон. 7,13). Аксуламали саркоҳин нишон медиҳад, ки вай изҳороти Исоро дар хусуси бо Худо баробар буданаш фаҳмид (ниг. Юҳ. 5,18). Вай *ҷомаи* саркоҳинии худро ҳамчун нишонаи куфр гуфтани шоҳид *даронд*. Нутқи пурэҳсоси вай, ки ба шӯрои пирон равона шуда буд, дар назар дошт, ки Исо айбдор аст. Ҳангоме ба шӯро оид ба ҳукм савол дода шуд, ҷавоб чунин буд: *«Сазовори марг аст»*.

**26,67-68** Марҳилаи дуюми доварӣ бо он анҷомид, ки ҳуқуқшиносон Айбдоршавандаро мезаданд ва ба рӯяш туф мекарданд, ва баъд бо тамасхур аз Ӯ талаб мекарданд, ки қуввати Худро чун *Масеҳ* нишон дода, озордиҳандагони Худро шиносад. Ҳамаи ин воқеаҳо на танҳо ғайриқонунӣ, балки нангин низ буданд.

## З. Петрус Исоро инкор менамояд ва зор-зор гиря мекунад (26,69-75)

**26,69-72** Акнун барои Петрус лаҳзаи ғамангезтарин фаро расид. Ҳангоме ки Ӯ *дар берун, дар рӯи ҳавлӣ нишаста буд,* ҷавонзане аз наздаш гузашта ӯро айбдор намуд, ки ӯ бо Исо шарик буд. Радкунии ӯ фаврӣ ва қатъӣ буд: *«Намедонам, чӣ мегӯӣ»*. Вай ба сӯи *дарвоза* рафт, шояд, барои он ки ӯро боз набинанд. Аммо он ҷо духтари *дигаре* дар назди ҳама ӯро ҳамчун ҳамроҳи *Исои Носирӣ* шинохт. Ин дафъа ӯ қасам хӯрд, ки *Он Одамро* намешиносад. *Он Одам* Устоди ӯ буд.

**26,73-74** *Пас аз муддате* якчанд касе ки он ҷо истода буданд, омада гуфтанд: *«Ба ростӣ ту низ яке аз онҳо мебошӣ, зеро аз лаҳҷаат аён аст»*. Радкунии одӣ акнун кифоя набуд; ин дафъа ӯ инро бо савганду қасам тасдиқ намуд: *«Он одамро намешиносам»*. Ва баногоҳ *хурӯс бонг зад*, гӯё ин лаҳзаро интизор буд.

**26,75** Садои шинос на танҳо хомӯшии пагоҳиро, балки дили Петрусро низ сӯрох намуд. Шогирди ҳавобаланд суханони Худовандро ба хотир овард, ва *берун рафта, зор-зор гирист*.

Чунин менамояд, ки дар Инҷилҳо оид ба миқдор ва вақти радкуниҳо зиддияте ҳаст. Дар Матто, Луқо ва Юҳанно навишта шудааст, ки Исо гуфт: «Пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор мекунӣ» (Мат. 26,34; инчунин ниг. Луқ. 22,34; Юҳ. 13,38). Дар Марқус пешгӯӣ чунин аст: «Пеш аз он ки хурӯс ду бор бонг занад, Маро се бор инкор мекунӣ» (Марқ. 14,30). Эҳтимол, на як хурӯс бонг зада буд: яке шабона ва дигаре субҳидам. Ҳамчунин имкон дорад, ки Инҷилҳо шаш радкунии гуногуни Петрусро навиштаанд. Вай Масеҳро дар назди ин касон инкор кард: 1) ҷавонзан (Мат. 26,69.70; Марқ. 14,66-68); 2) ҷавонзани дигар (Мат. 26,71. 72; Марқ. 14,69.70); 3) тӯдаи дар наздикӣ истода (Мат. 26,73.74; Марқ. 14,70.71); 4) одаме (Луқ. 22,58); 5) шахси дигар (Луқ. 22,59.60); 6) хизматгори саркоҳин (Юҳ. 18,26.27).

Мо чунин меҳисобем, ки ин шахс монанди шахсони дигар нест, зеро вай чунин гуфт: «Магар ман туро дар боғ бо Ӯ надидам?» Дар бораи дигарон навишта нашудааст, ки чунин гуфта бошанд.

## И. Доварии пагоҳӣ дар назди шӯрои пирон (27,1-2)

**27,1-2** Марҳилаи сеюми доварӣ пагоҳӣ дар назди шӯрои пирон шуда гузашт. Агар айбдоршаванда сафед карда нашуда бошад, ҳеҷ гуна парвандаро дар ҳамон рӯз ба анҷом расонидан мумкин набуд. Дар назар дошта мешуд, ки пеш аз эълони ҳукм бояд як шаб гузарад, «то ки барои омадани ҳиссиёти раҳмдилӣ вақте бошад». Дар ҳолати додашуда чунин менамояд, ки роҳбарони динӣ мекӯшиданд, ки ҳама гуна ҳиссиёти раҳмдилиро хомӯш кунанд. Аммо азбаски довариҳои шабона аз рӯи қоида набуданд, онҳо иҷлосияи пагоҳиро даъват намуданд, то ба қарори баровардаашон ҳукми қонунро диҳанд.

Мувофиқи қонуни румӣ роҳбарони динии яҳудӣ ҳуқуқи иҷро намудани ҳукми қатлро надоштанд. Барои ҳамин мо ҳоло мебинем, ки онҳо шитоб мекарданд, то Исоро ба ҳузури *ҳокими* румӣ *Понтиюс Пилотус,* баранд. Агарчи онҳо аз ҳама чизи румӣ нафрат доштанд, ҳозир ба онҳо даркор буд, ки ин ҳокимиятро «истифода баранд», то ки нафрати боз ҳам

бештарро қонеъ намоянд. Зиддият бо Масеҳ *ашаддитарин* душманонро бо ҳам муттаҳид намуд.

### Й. Пушаймонии Яҳудо ва марги ӯ (27,3-10)

**27,3-4** *Таслим кардани хуни бегуноҳро* дарк намуда, *Яҳудо* пулро ба *сардорони коҳинон ва пирон* бозгардонд. Ин суиқасдчиёни маккор, ки якчанд соат пеш бо майли тамом ҳамкорӣ мекарданд, минбаъд дар ин кор ягон хел иштироке доштан нахостанд. Яке аз подошҳои хиёнат ҳамин аст. Яҳудо *пушаймон шуд,* аммо тавбаи вай боиси наҷот нагардид, зеро он писанди Худо набуд. Агарчи Яҳудо барои натиҷаҳое ки ҷинояти вай ба сари худаш овард, афсӯс мехӯрд, ӯ боз ҳам Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда эътироф кардан намехост.

**27,5** Яҳудо бо ноумедӣ *тангаҳои нуқраро дар ибодатхона,* ки ба он ҷо танҳо коҳинон ҳуқуқи даромадан доштанд, *партофт,* сипас баромада рафт ва худкушӣ кард. Ин нақлро бо Аъмол 1,18 муқоиса карда, мо хулоса мебарорем, ки вай худро ба дарахт овехт, ресмон ё шоха вазни ӯро бардошта натавонист, бадани вай афтид, шикамаш кафид ва рӯдаҳояш берун рехт.

**27,6** *Сардорони коҳинони* беҳад «рӯҳонӣ», ки ин пулҳоро ба сабаби *хунбаҳо* буданаш ба *ганҷинаи ибодатгоҳ* нагузоштанд, худашон дар он айбдор буданд, ки барои ба онҳо таслим намудани Масеҳ пул доданд. Аммо онҳо нисбати ин бепарво буданд. Чунон ки Худованд Исо гуфт, онҳо беруни зарфро пок карданд, аммо дохили он пур аз фиреб, хиёнат ва куштор буд.

**27,7-10** Онҳо ин пулро барои харидани *киштзори кӯзагар* истифода бурданд, ки дар он ҷо мебоист ғарибони нопоки ғайрияҳудиро дафн мекарданд, ва ба гӯшаи хотирашон намеомад, ки чӣ қадар ӯрдуҳои ғайрияҳудӣ замини онҳоро пур карда, кӯчаҳояшонро ба ҷӯйҳои хун табдил хоҳанд дод. Аз он дам ин замин барои халқи гуноҳкор *Киштзори хун* гардид.

Саркоҳинон беихтиёр пешгӯии Закарёро оид ба он ки музди коре барои харид аз кулол истифода хоҳад шуд, иҷро намуданд (Зак. 11,12.13). Ҳайратовар аст, ки ин порчаро аз Закарё ба таври дигар низ мехонанд: «ганҷина» барои «кӯзагар».

*Коҳинон шубҳа доштанд, ки оё хунбаҳоро ба ганҷина гузоштан мумкин аст ё не, бинобар ин онҳо пайғамбариеро, ки хониши дигар дорад, иҷро намуданд ва онро ба кӯзагар дар ивази замин доданд.*

(Қайдҳои ҳаррӯзаи Ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

Матто ин пешгӯиро ба Ирмиё мансуб медонад, дар ҳоле ки он яқинан аз китоби Закарё бармеояд. Аз афташ, ӯ ин иқтибосро барои он ба Ирмиё нисбат дод, ки ин пайғамбар дар аввали лӯлакитоби пайғамбарон, мувофиқи тартиби қадимии маҳфуз дар дастнависҳои бисёри яҳудӣ ва аз рӯи анъанаи талмудӣ маълум меистод. Ин гуна амалия дар Луқо 24,44 ҷой дорад, ки он ҷо китоби Забур ба тамоми қисми сеюми Китоби Муқаддаси яҳудӣ номи худро медиҳад.

### Й̄. Бори аввал дар назди Пилотус ҳозир шудани Исо (27,11-14)

**27,11-14** Айбдоркуниҳои асосии яҳудиён хусусияти *динӣ* доштанд, ва онҳо Ӯро дар ҳамин асос маҳкум намуданд. Аммо айбдоркуниҳои динӣ дар доварии Рум эътиборе надоштанд. Инро донista, яҳудиён Исоро ба доварии Пилотус ҳозир намуда, бар зидди Ӯ се айбдоркунии *сиёсиро* пешниҳод намуданд (Луқ. 23,2):

1. Ӯ исёнгар буда, барои империя хатарнок буд.
2. Ӯ ба андозсупории халқ монеъ шуда, ба некӯаҳволии иқтисодии империя зарар мерасонд.
3. Ӯ Худро Подшоҳ номида, бо ин ба мартаба ва мақоми қайсар таҳдид мекард.

Дар Инҷили Матто мо мехонем, ки Пилотус Ӯро аз рӯи айбдоркунии сеюм истинтоқ мекунад. Ба савол оид ба он ки оё Ӯ *Подшоҳи Яҳудиён* аст, Исо ҷавоби тасдиқкунанда дод. Ҷавоби Ӯ боиси сели таҳқирҳо ва тӯҳматҳои роҳбарони яҳудӣ гардид. Пилотус аз он ки Айбдоршаванда *сухане ҳам нагуфт, ... бисёр дар ҳайрат монд.* Ӯ ба ягон айбдоркунӣ ҷавоб надод. Эҳтимол, ҳоким пеш аз ин ҳеҷ гоҳ касеро надида буд, ки тахти чунин фишор хомӯш монда бошад.

### К. Исо ё Бараббо? (27,15-26)

**27,15-18** Ҳукуматдорони румӣ одате доштанд, ки дар иди Песаҳ *як бандии яҳудиро озод карда,* яҳудиёнро ором менамуданд. Яке аз чунин бандиён аз рӯи қонун Бараббо ном яҳудие буд, ки дар шӯриш ва куштор айбдор карда мешуд (Марқ. 15,7). Ҳамчун исёнгар бар зидди ҳуқуқи румӣ, вай, эҳтимол, дар байни ҳамватанонаш шуҳрат дошт. Инак, вақте Пилотус ба онҳо пешниҳод кард, ки байни *Исо* ва *Бараббо* интихоб кунанд, онҳо бо шӯру ғавғо Бараббоkøbenh талаб карданд. Ҳоким аз ин ҳайрон нашуд; вай дарк менамуд, ки ин ақидаи ҷамъияти қисман аз тарафи саркоҳинон, ки Исоро аз боиси ҳасад таслим намуданд, тайёр карда шудааст.

**27,19** Мурофиа ба сабаби хабаре аз ҷониби *зани* Пилотус қатъ карда шуд. Зани Пилотус исрор менамуд, ки ба Исо бо эҳтиром рафтор намояд ва ҳеҷ бадие ба Ӯ накунад, чунки вай аз боиси Ӯ хоби ташвишовар дидааст.

**27,20-23** *Сардорони коҳинон ва пирон* аз ақиб халқро таҳрик менамуданд, ки *Бараббо* озод карда шавад ва Исо қатл карда шавад. Бинобар ин, ҳангоме ки *Пилотус* бори дигар пурсид, ки киро мехоҳанд, то барояшон озод кунад, онҳо қотилро талаб карданд. Пилотус, ки дар тӯри беҷуръатии худ печида буд, пурсид: *«Пас бо Исо, ки Масеҳ меноманд, чӣ кунам?»* Онҳо якдилона талаб карданд, ки ӯро ба салиб кашад, ки ин барои ҳоким нофаҳмо буд. Чаро Ӯ бояд ба салиб кашида шавад? Ӯ кадом ҷиноят содир намудааст? Аммо барои муҳокимаи ин савол фурсат аз даст рафта буд: шӯру ғавғои мардум ғолиб омад. Садои фарёд шунида шуд: *«Ӯро ба салиб каш!»*

**27,24** *Пилотус* фаҳмид, ки халқ паст наомада истодааст ва эҳтимол аст, ки шӯриш сар занад. Бинобар ин *дасти худро* дар пеши назари мардум *шуста,* дар *хуни* Айбдоршаванда гуноҳкор набуданашро эълон намуд. Аммо об ҳеҷ гоҳ Пилотусро аз гуноҳи бебарории ҷиддитарини адлия дар таърих озод намекунад.

**27,25** Тӯдаи мардум, ки аз шиддати хашм парвои бегуноҳӣ надошт, барои ба гардан гирифтани масъулият розӣ шуд: *«Хуни Ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад».* Аз ҳамон дам халқи Исроил гирифтори гетто ва кушторҳо, конслагерҳо ва камераҳои газӣ буд: он барои гуноҳи даҳшатовари қатли Масеҳи радшуда азоб мекашад. Онҳо боз ба «Замони тангии Яъқуб», ҳафт соли Мусибати бузург, ки дар Матто 24 ва Ваҳй 6–19 тасвир мешавад, дучор хоҳанд шуд. То даме ки онҳо Исои радкардаашонҳо чун Масеҳ-Подшоҳ эътироф накунанд, ин лаънат бар болои онҳо хоҳад буд.

**27,26** Пилотус *Барабборо* барои тӯдаи мардум *озод кард,* ва аз ҳамон замон рӯҳи Бараббо дар ҷаҳон ҳукмрон аст. Қотил то ҳол дар тахт нишастааст, аммо Подшоҳи одил рад шудааст. Сипас, мувофиқи одати он замон, Маҳкумшударо *тозиёна заданд.* Қамчини калони чармин бо порчаҳои фулузии ба он часпондашуда ба тамоми тахтапушти Ӯ фуруд омада, бо ҳар як зарба пӯстро аз ҳам медарид ва хуншор менамуд. Акнун ҳокими беирода ғайр аз он ки Исоро ба дасти сарбозон барои ба салиб кашидан диҳад, дигар илоҷе надошт.

### Қ. Сарбозон Исоро масхара мекунанд (27,27-31)

**27,27-28** *Он гоҳ сарбозони ҳоким Исоро ба сарбозхона бурда, тамоми дастаро,* эҳтимол, садҳо нафарро, *гирди Ӯ ҷамъ оварданд.* Он чиро, ки пас аз он воқеъ шуд, ба худ тасаввур кардан душвор аст! Офаридгор ва Тавонои Мутлақи оламро сарбозони бераҳм ва дағал – офаридаҳои носазовор ва гуноҳкори Ӯ – ба таври тасвирнашаванда таҳқир менамуданд. Онҳо *либоси Ӯро кашида, ҷомаи қирмизӣ ба Ӯ пӯшонданд* – тақлид ба либоси шоҳона. Аммо ин либос ба мо дар бораи чизе дарак медиҳад. Азбаски ранги сурх ба гуноҳ алоқаманд карда мешавад (Иш. 1,18), ба ман чунин фикр писанд аст, ки либоси арғувонӣ гуноҳҳои маро ифода мекунад, ки бар Исо гузошта шудаанд, то ки ман либосҳои илоҳии росткориро пӯшида тавонам (2Қур. 5,21).

**27,29-30** Онҳо *тоҷе аз хор бофта бар сараш* зер карданд. Аммо ба масхараи дағалонаи онҳо нигоҳ накарда, мо мефаҳмем, ки Ӯ *тоҷе аз хор* пӯшид, то ки мо *тоҷи ҷалолро* пӯшида тавонем. Онҳо ба Ӯ ҳамчун ба Подшоҳи гуноҳ тамасхур менамуданд; мо Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳандаи гуноҳкорон парастиш мекунем.

Онҳо ба Ӯ *чӯбе* низ доданд – тақлиди чӯбдасти ҳокимият. Онҳо намедонистанд, ки дасте ки ин чӯбро медорад, дасте мебошад, ки тамоми оламро идора мекунад. Дасти

сӯрохшудаи Исо чӯбдасти ҳокимият бар тамоми оламро медорад.

Онҳо *назди Ӯ* ба зону афтода, ҳамчун ба *Подшоҳи Яҳудиён* муроҷиат мекарданд. Бо ин қаноат накарда, онҳо ба рӯи ягона Одами комил дар ҷаҳон туф мекарданд, сипас онҳо *чӯбро гирифта бар сараш мезаданд.*

Исо ба ҳамаи ин босаброна тоқат менамуд. Ӯ сухане нагуфт. *«Пас, дар бораи Ӯ фикр кунед, ки аз дасти гуноҳкорон ба чунин зиддият тоб овард, то дилхунук ва хаста нашавед»* (Ибр. 12,3).

**27,31** *Ниҳоят онҳо ба Ӯ* либоси Худашро пӯшонданд ва Ӯро берун бурданд, то ба салиб кашанд.

## Л. Ба салиб кашида шудани Подшоҳ (27,32-44)

**27,32** Худованди мо то як қисми роҳ салиби Худро мебурд (Юҳ. 19,17). Сипас сарбозон шахсеро, *Шимъунро* (аз *Қайравон,* дар Африқои шимолӣ), *маҷбур карданд,* ки ба ҷои Ӯ салибро бардошта барад. Баъзеҳо мепиндоранд, ки вай яҳудӣ буд, дигарон чунин меҳисобанд, ки вай одами сиёҳпӯст буд. Муҳимаш он аст, ки вай имтиёзи аҷиби бардоштани ин салибро дошт.

**27,33** *Ҷолҷолто* ба забони арамӣ маънои «косахонаи сар»-ро дорад. Шояд, ин макон шакли косахонаи сарро дошт ва ё ин номро барои он гирифт, ки қатлгоҳ буд. Ҷои он маълум нест.

**27,34** Пеш аз ба салиб кашидани Исо онҳо ба Ӯ *сиркои бо заҳра омехтаеро* пешниҳод карданд, ки ба маҳкумшудагон ҳамчун пасткунандаи дард медоданд. Исо онро рад кард. Барои Ӯ он муҳим буд, ки тамоми вазнинии гуноҳҳои одамонро бе тирагии ҳуш, бе осон гардондан ба Худ гирад.

**27,35** Матто равиши ба салиб кашиданро одӣ ва бе эҳсосот баён мекунад. Вай ба драматизм дода намешавад, ба услуби ҳангомадори рӯзноманигорӣ рӯ намеорад ва дар ҷузъиёти даҳшатнок таваққуф намекунад. Вай танҳо ҳодисаи рӯйдодаро тасвир мекунад: Онҳо Ӯро ба салиб кашиданд. Ҳатто абадият амиқии ин суханонро ба охир расонида наметавонад.

Чуноне ки дар Забур 21,19 пешгӯӣ шуда буд, сарбозон *сару либоси* Ӯро *дар миёни худ тақсим* карданд, *ва бар пероҳани* яклухти Ӯ *қуръа* партофтанд. Ин ҳамаи моликияти заминии Ӯ буд. Деннӣ гуфтааст: «Ягона ҳаёти комиле ки ягон вақт дар ин ҷаҳон ба сар бурда шудааст, ҳаёти Ӯст, ҳаёти Оне ки ғайр аз сару либоси Худ чизе надошт ва чизе боқӣ нагузошт».

**27,36** Ин сарбозон намояндагони ҷаҳони одамони хурд буданд. Онҳо, аз афташ, тассавуроте ҳам надоштанд, ки таърих навишта шуда истодааст. Агар онҳо инро медонистанд, *нишаста посбонӣ* намекарданд; онҳо ба зону афтода, саҷда менамуданд.

**27,37** Онҳо *бар болои сари* Ӯ навиштаеро ҷойгир намуданд: *«ИН АСТ ИСО, ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН».* Тасвияи аниқи ин навишта дар чор Инҷил андаке фарқ дорад.[47] Марқус мегӯяд: «Подшоҳи яҳудиён» (Марқ. 15,26); Луқо мегӯяд: «Ин аст Подшоҳи яҳудиён» (Луқ. 23,38) ва Юҳанно мегӯяд: «Исои Носирӣ, Подшоҳи яҳудиён» (Юҳ. 19,19). Саркоҳинон эътироз карданд, ки навишта бояд на баёни факт, балки танҳо изҳороти Маҳкумшуда бошад. Аммо Пилотус талаби онҳоро рад кард; он ҷо ҳақиқат навишта шуда буд, то ки ҳама онро бубинанд – ба забонҳои ибронӣ, лотинӣ ва юнонӣ (Юҳ. 19,19-22).

**27,38** Оё Писари Худо на барои он дар миёни *ду роҳзан* гузошта шуд, ки Ишаъё 700 сол пеш пайғамбарӣ карда буд, ки Ӯ аз ҷиноятгорон шумурда шуд (Иш. 53,12)? Дар аввал ду ҷинояткор ба Ӯ бадгӯӣ карда, таҳқираш менамуданд (ояти 44). Аммо баъд яке аз онҳо тавба кард ва сари вақт наҷот ёфт; пас аз якчанд соат вай бо Масеҳ дар биҳишт буд (Луқ. 23,42.43).

**27,39-40** Агар салиб муҳаббати Худоро аён мекарда бошад, пас, он инчунин вайронии инсонро ошкор мекунад. Роҳгузарон ба муддати зиёд таваққуф менамуданд, то бар Шубоне ки барои гӯсфандони Худ мемурд, ханданд: «Ту ки ибодатхонаро вайрон карда, дар се рӯз аз нав месозӣ, худатро наҷот деҳ! Агар Ту Писари Худо бошӣ, аз салиб фуруд ой!» Забони нобовари ратсионалистӣ ҳамин гуна аст. «Ба мо имкон диҳед, то бинем, ва мо бовар мекунем». Ин ҳамчунин забони озодандешӣ (либерализм) аст. «Аз салиб фуруд ой!» – бо суханони дигар: «Салиберо ки ба мо халал мерасонад, бартараф кун, ва мо бовар мекунем!» Вилям Бутс гуфтааст: «Онҳо мегуфтанд, ки агар

Ӯ поин мефаромад, бовар мекарданд; аммо мо барои он бовар мекунем, ки Ӯ дар он ҷо монд».

**27,41-44** Сардорони коҳинон, китобдонон ва пирон ба ин садоҳо ҳамовоз шуданд. Бо борикбинии беихтиёр онҳо фарёд менамуданд: *«Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот дода наметавонад».* Онҳо истеҳзо карданӣ буданд, аммо мо инро ҳамчун суруди ҳамду сано қабул мекунем:

*Ӯ Худро наҷот дода натавонист,*
*Ӯ мебоист дар салиб мемурд,*
*Вагарна марҳамат ба гуноҳкорон наздик намеомад.*
*Бале, бояд хуни Исо, Писари Худо, мерехт,*
*То ки гуноҳкорон аз гуноҳ халос шуда тавонанд.*

Алберт Мидлайн

Ин дар ҳаёти Худованд ҳақиқат буд, ва дар ҳаёти мо низ бояд ҳамчунин бошад. Агар мо наҷотро барои худ биҷӯем, дигаронро наҷот дода наметавонем.

Роҳбарони динӣ ба изҳороти Ӯ, ки Худро Наҷотдиҳанда, *Подшоҳи Исроил,* ва *Писари Худо* меномид, тамасхур мекарданд. Ҳатто *роҳзанон* ба ҳақоратҳои онҳо ҳамроҳ шуданд. Роҳбарони динӣ бо ҷинояткорон муттаҳид шуданд, то Худои худро таҳқир намоянд.

### М. Се соати торикӣ (27,45-50)

**27,45** Тамоми азобҳо ва хориҳое ки Ӯ аз дасти одамон кашид, дар муқоиса бо он чи ҳозир рӯ ба рӯ шуд, ночиз буданд. *Аз соати шаш* (нисфирӯзӣ) *то соати нӯҳ* (соати 3-и баъди нисфирӯзӣ) на танҳо дар *тамоми замини* Фаластин, балки дар ҷони қуддуси Ӯ низ торикӣ буд. Маҳз ҳамин вақт Ӯ лаънати тасвирнашавандаи гуноҳҳои моро аз сар гузаронид. Дар ин се соат дӯзах, ки мо сазовори он ҳастем, ва ғазаби Худо барои ҳамаи гуноҳҳои мо ба Ӯ фишор меоварданд. Мо инро танҳо ба таври хира тасаввур карда метавонем; мо дониста наметавонем, ки қонеъ намудани талаботҳои одилонаи Худо ба гуноҳ барои Ӯ чӣ маъно дошт. Мо танҳо медонем, ки дар он се соат Ӯ нархи қарзи муқарраршударо пардохт ва амалеро ба анҷом расонд, ки барои раҳоии одамизод зарур буд.

**27,46** *Наздики* соати сеи пас аз нисфирӯзӣ Ӯ *бо овози баланд фарёд зада гуфт: «Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?»* Ҷавобро мо дар Забур 21,4 пайдо мекунем: «Ту, эй Қуддус, бар ҳамду саноҳои Исроил нишастаӣ». Азбаски Худо қуддус аст, Ӯ гуноҳро сарфи назар карда наметавонад. Баръакс, Ӯ бояд онро ҷазо диҳад. Худованд Исо гуноҳи Худро надошт, аммо Ӯ айби гуноҳҳои моро ба Худ гирифт. Ҳангоме ки Худо, чун Довар, ба поён нигариста, гуноҳҳои моро бар Ивазкунандаи бегуноҳ дид, Писари Худро аз муҳаббат маҳрум намуд. Ин ҳамон ҷудоӣ аз Падар буд, ки боиси фарёде аз дили Исо гардид, ки онро хонум Браунинг бо назокат «Фарёди ятимонаи Имонуил» номидааст:

*Тарк карда шуд! Худо аз Мансуби Худ дар ҳақиқат рӯ гардонд;*
*Ва гуноҳҳои Одам дар миёни Писар ва Падари одил резонда шуданд:*
*Бале, як бор фарёди Имонуили ятим олами Ӯро ба ларза овард;*
*Он ба боло рафт – танҳо, бе акси садо – «Худоям, тарк карда шудам».*

Элизабет Баррет Браунинг

**27,47-48** Ҳангоме ки Исо фарёд кард: *«Элӣ, Элӣ ...» – баъзе аз ҳозирон, чун шуниданд, гуфтанд: «Ӯ Илёсро ҷеғ мезанад».* Аниқ нест, ки оё онҳо ҳақиқатан номҳоро омехта карданд ё тамасхур менамуданд. Яке аз онҳо *найи* дарозеро гирифта, *исфанҷи* аз *сирко* пуршударо ба *даҳони Ӯ* наздик бурданӣ шуд. Мувофиқи Забур 68,22, ин на падидаи раҳмдилӣ буд, балки намуди иловагии азоб буд.

**27,49** Ақидаи умумӣ ин буд: истода мунтазир шудан, ки *оё Илёс меояд,* то ки нақшеро, ки яҳудиён ба таври анъанавӣ ба Илёс мансуб медонистанд, иҷро кунад: ба ёрии росткорон омадан. Аммо ин вақт барои омадани Илёс набуд (Мал. 4,5), ин вақт барои марги Исо буд.

**27,50** Ҳангоме ки Исо *боз бо овози баланд фарёд зад, Ӯ ҷон дод.* Фарёди баланд нишон медиҳад, ки Ӯ беҳол нашуда, дар ҳоле ки қувват дошт, мурд. *Ҷон* додани Ӯ маргашро аз марги одамони дигар фарқ мекунонад. Мо мемирем, чунки бояд бимирем. Ӯ барои он мурд, ки маргро интихоб намуд. Магар Ӯ нагуфта буд: «Ман ҷони Худро фидо мекунам, то онро боз ёбам; ҳеҷ кас онро аз Ман намегирад, балки Худи Ман онро фидо мекунам: қудрат

дорам, ки онро фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам» (Юҳ. 10,17.18)?

*Офаридгори ҷаҳон, чун одам, барои одам лаънатзада шуд.*
*Талаботи қонунҳоеро, ки Худаш муқаррар кардааст, Ӯ пурра ба ҷо овард.*
*Панҷаҳои поки Ӯ навдаеро офаридаанд, ки хорҳои тоҷи сари Ӯро рӯёнид.*
*Меххое ки дастони Ӯро сӯрох намуданд, дар ҷойҳои ниҳонии муқарраркардаи Ӯ ёфта, сохта шуда буданд.*
*Ӯ ҷангалеро офаридааст, ки он ҷо дарахте ки чун салиби Ӯ хизмат кард, месабзид.*
*Ӯ дар салибе аз чӯб мурд, ва ҳатто теппаеро низ офаридааст, ки он ҷо салиб насб шуда буд.*
*Ва осмонҳоеро, ки бар сари Ӯ торик шуданд, Ӯ бар замин густурдааст.*
*Он офтобе ки рӯи худро аз Ӯ пӯшонд, бо фармони Ӯ дар коинот муаллақ шудааст.*
*Найзае ки хуни поки Ӯро рехт, дар он ҷо, дар оҳангархонаи Худо обутоб ёфта буд.*
*Қабре ки бадани Ӯро қабул намуд, дар сахрае буд, ки дастони Ӯ сохтаанд.*
*Он тахте ки Ӯ ҳозир он ҷост, аз офариниши олам ба Ӯ тааллуқ дошт.*
*Аммо пешонии Ӯ бо ҷалоли нав оро дода шудааст,*
*Ва дар назди Ӯ ҳар зонуе хам хоҳад шуд.*

Ф. В. Питт

### Н. Пардаи дарида (27,51-54)

**27,51** Дар лаҳзаи марги Ӯ Дасти Ноаён пардаи вазнини аз пашм бофтаро, ки ду ҳуҷраи асосии парастишгоҳро аз ҳам ҷудо мекард, *аз боло то поён* даронд. То ҳамин дам ин *парда* ҳеҷ касро ба ғайр аз саркоҳин ба Қудси қудсҳо, ки он ҷо Худо сокин буд, роҳ намедод. Танҳо як кас метавонист ба Қудси қудсҳо дарояд, ва ӯ танҳо як бор дар як сол даромада метавонист.

Аз Нома ба Ибриён мо мефаҳмем, ки парда бадани Исоро ифода мекард. Даридани он рамзи кушта шудани Ӯ буд. Ба воситаи марги Ӯ «мо ҷуръат дорем ба қудс ба воситаи Хуни Исои Масеҳ бо роҳи нав ва зинда дохил шавем, ки онро Ӯ барои мо ба воситаи пардае, яъне ҷисми Худ, аз нав кушодааст» (Ибр. 10,19.20). Акнун имондори одитарин ба воситаи дуо ва ҳамду сано дар ҳар гуна вақт ба ҳузури Худо даромада метавонад. Аммо набояд фаромӯш кунем, ки ин имтиёз барои мо ба нархи гароне – хуни Исо – харида шудааст.

Марги Писари Худо ҳамчунин боиси тағйиротҳои даҳшатовар дар табиат гардид, гӯё офаридаи ғайризинда ба Офаридгори худ ҳамдардӣ баён мекард. Заминҷунбие рух дод, ки дар натиҷаи он *сангҳои* бузург *шикофта шуданд, ва қабрҳои* зиёде *кушода шуданд.*

**27,52-53** Аммо таваҷҷуҳ намоед, ки фақат *пас аз растохези Ӯ* сокинони ин қабрҳо *аз мурдагон бархестанд* ва ба Уршалим *рафтанд* ва он ҷо *ба бисёр касон намоён шуданд.* Навиштаи Муқаддас намегӯяд, ки оё ин муқаддасон аз нав мурданд ё ҳамроҳи Исо ба осмон рафтанд.

**27,54** Рагкашиҳои аҷоиби табиат *мирисади* румӣ ва одамонро боварӣ ҳосил кунониданд, ки Исо *Писари Худо буд* (Агарчи дар юнонӣ пеш аз «Писари Худо» артикли муайянӣ нест, тартиби калимаҳо инро аниқ менамояд).[48] *Мирисад* чиро дар назар дошт? Оё ин пурра ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда эътироф кардани Исои Масеҳ буд, ё ин эътироф он маъноро дошт, ки Исо аз одам бештар буд? Мо чизе гуфта наметавонем. Аммо ин ҳисси эҳтиром ва эҳсоси он буд, ки изтироби табиат бо марги Исо як навъ алоқамандӣ дорад, аммо на бо марги онҳое ки ҳамроҳи Ӯ ба салиб кашида шуда буданд.

### О. Занҳои содиқ (27,55-56)

**27,55-56** *Занҳое* ки ба Худованд содиқона хизмат мекарданд, ва *аз Ҷалил* то Уршалим *аз пайи Исо омада буданд,* махсус зикр карда шудаанд. *Марями Маҷдалия ва Маряме ки модари Яъқуб ва Юсӣ буд,* ва Салӯмит, зани Забдой, он ҷо буданд. Садоқати нотарсонаи онҳо бо ҷилои махсусе зоҳир мегардад. Ҳангоме ки мардҳо- шогирдон барои ҷони худро халос кардан гурехтанд, он занҳо бо Исо монданд!

### П. Дафн дар қабри Юсуф (27,57-61)

**27,57-58** *Юсуф аз Ромо, давлатманде* ва узви шӯрои пирон, дар қарори шӯро дар хусуси ба Пилотус таслим намудани Исо иштирок накарда буд (Луқ. 23,51). То ин дам вай *шогирди*

пинҳонӣ буд, аммо акнун вай ҳама гуна эҳтиёткориро як сӯ гузошт. Вай далерона *назди Пилотус рафта,* барои дафн намудани Худованди худ иҷозат хост. Ба худ тасаввур мекунем, ки ба тарафи Маслубшуда гузаштани узви шӯрои пирон чӣ гуна Пилотусро дар ҳайрат гузошт ва чи гуна зарбае барои яҳудиён буд. Ҷасади Исоро дафн намуда, Юсуф дар асл худро аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳонӣ дафн намуд. Ин рафтораш ба таври ҳамешагӣ Ӯро аз қотилони Худованд Исо ҷудо кард.

**27,59-60** Пилотус иҷозат дод ва *Юсуф* бо муҳаббат ба ҷасад ҳанут молид, ва дар байни чинҳои *катони тоза* алафҳои хушбӯй гузошта, онро *печонд.* Сипас вай Ӯро *дар қабри наве ки дар санг барои худ тарошида буд, гузошт.* Даромадгоҳи қабр бо *санги калоне* пӯшонида буд, ки шакли санги осиёбро дошт, ва поёнаш дар чуқурчае меистод, ки низ дар санг канда буданд.

Чандин садсолаҳо пештар Ишаъё пешгӯӣ карда буд: «Қабри Ӯро бо бадкирдорон таъйин карданд, вале баъд аз мурданаш – бо сарватдоре гӯрониданд» (Иш. 53,9). Душманонаш, бешубҳа, ҷасади Исоро ба водии Ҳиннӯм партофтанӣ буданд, то ки онро оташи партовгоҳ фурӯ барад ё ки рӯбоҳон бихӯранд. Аммо Худо нақшаҳои онҳоро барбод дод ва Юсуфро истифода бурд, то ки *бо сарватдор* дафн шудани Ӯро таъмин намояд.

**27,61** Пас аз он ки Юсуф рафт, *Марями Маҷдалия* ва модари Яъқуб ва Юсӣ *дар рӯ ба рӯи қабр* бедор нишаста буданд.

### Р. Қабри посбонишаванда (27,62-66)

**27,62-64** Рӯзи аввали иди Песаҳ, ки рӯзи тайёркунӣ номида мешуд, рӯзи ба салиб кашидан буд. *Фардои он... сардорони коҳинон ва фарисиён* худро нооротм ҳис мекарданд. Онҳо пешгӯии Исоро оид ба зинда шуданаш ба хотир оварданд, ва ба назди Пилотус рафта, хоҳиш карданд, ки дар назди қабр посбонон гузорад, то ки *шогирдони Ӯ* ҷасадро дуздида, тасавфуроте ҳосил нанамоянд, ки гӯё Ӯ зинда шуда бошад. Онҳо метарсиданд, ки агар ин ба амал ояд, *фиреби охирин аз аввалин бадтар мешавад,* яъне хабари зинда шудани Ӯ аз он ки Ӯ Худро Масеҳ ва Писари Худо меномид, бадтар хоҳад буд.

**27,65-66** Пилотус ҷавоб дод: *«Посбононро гиреду рафта, чунон ки медонед, посбонӣ кунед».* Ин метавонист маънои онро дошта бошад, ки ба онҳо аллакай посбонони румӣ дода шудаанд. Ё ки ин метавонист чунин маъно дошта бошад: «Хоҳиши шумо қабул карда шуд. Ман ба шумо посбононро медиҳам». Оё вақте ки Пилотус *«чунон ки медонед, посбонӣ кунед»* гуфт, истеҳзое дар овозаш буд? Онҳо кӯшиш намуданд. Онҳо бар санг муҳр гузошта, посбононро монданд, аммо маълум шуд, ки беҳтарин воситаҳои посбонии онҳо кифоя набуданд. Унгер мегӯяд:

*Ҷорабиниҳои эҳтиётии душманони Ӯ, ки бар қабр муҳр гузошта, барои посбонии қабр посбононро гузошта буданд, ба он оварда расониданд, ки Худо тамоми нақшаҳои ин бадкоронро дигаргун сохт ва далелҳои баҳснопазири растохези Подшоҳро пешниҳод намуд.*[49]

## XV. ТАНТАНАИ ПОДШОҲ (Б. 28)

### А. Қабри холӣ ва Худованди зиндашуда (28,1-10)

**28,1-4** Сапедадами рӯзи якуми ҳафта ду Марям *барои дидани қабр омаданд.* Ҳангоме ки онҳо омаданд, *заминҷунбии сахт рӯй дод; зеро фариштаи Худованд аз осмон фуромада, сангро аз дари қабр ғелонид ва бар он нишаст.* Посбонони румӣ аз ин нури сафеди дурахшон тарсида, беҳуш шуданд.

**28,5-6** Фаришта *занонро* бовар кунонд, ки онҳо набояд тарсанд. Касе ки онҳо ҷустуҷӯяш мекунанд, *чунон ки* ваъда дода *буд, зинда шуд; «биёед ва ҷоеро ки Худованд хобида буд, бинед».* Санг аз дари қабр на барои сар додани Худованд ғелонида шуд, балки барои он ки занон зинда шудани Ӯро дида тавонанд.

**28,7-10** Сипас фаришта занҳоро вазифадор намуд, ки *ба зудӣ рафта* ин хабари хурсандибахшро *ба шогирдони Ӯ* расонанд. Худованд аз нав зинда аст ва бо онҳо дар *Ҷалил* вомехӯрад. Ҳангоме ки онҳо барои ба шогирдон расонидани ин хабар мерафтанд, Исо ба онҳо зоҳир шуда, *«Салом бар шумо!»*[50] гуфт. Дар ҷавоб онҳо ба *пойҳояш* саҷда карда, Ӯро парастиш карданд. Сипас Ӯ шахсан онҳоро вазифадор намуд, то ба шогирдон эълон намоянд, ки онҳо Ӯро дар *Ҷалил* хоҳанд дид.

### Б. Сарбозони барои дурӯғ гуфтан бо ришва харидашуда (28,11-15)

**28,11** Ба худ омада, *баъзе аз* сарбозон беҷуръатона ба назди *саркоҳинон* рафтанд, то ки хабарро ба онҳо расонанд. Онҳо вазифаи дар уҳдаашон бударо иҷро накарданд! Қабр холӣ буд!

**28,12-13** Метавон ба худ тасаввур намуд, ки чӣ даҳшате роҳбарони диниро фаро гирифт. Саркоҳинон бо пирон барои тартиб додани стратегия машварати махфӣ гузарониданд. Онҳо аз ночорӣ ба *сарбозон* ришва доданд, то ки онҳо овозаи бофтаи хаёлро паҳн кунанд, ки гӯё ҳангоме ки онҳо *дар хоб* буданд, *шогирдон* ҷасади Исоро *дуздидаанд.*

Чунин маънидод аз ҷавобҳо дида бештар саволҳоро ба миён меорад. Чаро сарбозон хобида буданд, дар ҳоле ки мебоист бедор мебуданд? Чӣ тавр шогирдон метавонистанд онҳоро бедор накарда, сангро ғелонанд? Чӣ тавр ҳамаи сарбозон метавонистанд дар як вақт хоб раванд? Агар онҳо хобида бошанд, аз куҷо медонанд, ки шогирдон ҷасадро дуздидаанд? Агар нақли онҳо ҳақиқӣ бошад, пас, чаро ба онҳо ришва доданд, то ки чунин ҳикоят кунанд? Агар шогирдон ҷасадро дуздида бошанд, чаро вақтро сарф карда, кафанро баровароданд ва рӯймолро печонида монданд (Луқ. 24,12; Юҳ. 20,6.7)?

**28,14** Амалан ба сарбозон барои он ришва доданд, то онҳо ҳикояи айбдоркунандаи худашонро нақл кунанд. Мувофиқи қонуни румӣ хобидан ҳангоми посбонӣ бо қатл ҷазо дода мешуд. Бинобар ин роҳбарони яҳудӣ ваъда доданд, ки агар овозаи ин бо ягон тариқе *ба гӯши ҳоким* расад, онҳоро тарафдорӣ мекунанд.

Шӯрои пирон медонист, ки ҳақиқат худаш худро сафед мекунад, аммо дурӯғро бо бисёр фиребҳои дигар нигоҳ доштан лозим аст.

**28,15** Бо вуҷуди он *то имрӯз* ин афсона *дар миёни* бисёр *яҳудиён* зинда аст, ва дар байни ғайрияҳудиён низ. Дигар афсонаҳо низ ҳастанд. Вилбур Смит дутои онҳоро ба қалам додааст:

1. *Тахмини якум ин аст: занҳо ба қабри дигар рафтанд. Дақиқае дар ин бора андеша кунед. Оё шумо аз нимрӯзии ҷумъа то субҳи рӯзи якшанбе ҷои қабри шахси гиромӣ ва дӯстдоштаатонро фаромӯш карда метавонистед? Бештар аз ин, охир сухан на дар бораи қабристони Юсуф аз Ромо меравад. Ин боғи шахсии вай буд. Дар он ҷо қабрҳои дигар набуданд.*
*Акнун биёед тасаввур кунем, ки қабрҳои дигар низ буданд, ки дар асл набуданд, ва занҳо бо чашмони ашколуд қабрро меҷустанд ва ба қабри дигар омаданд. Фарз кардем, ки ин бо занҳо рӯй дод. Аммо Шимъуни Петрус ва Юҳанно, ду моҳигир, ки дастони меҳнатӣ доштанд ва гиря накарда буданд, низ ба сӯи қабр рафта буданд ва онро холӣ ёфтанд. Оё шумо гумон мекунед, ки онҳо дар шинохтани қабр саҳв карданд? Илова бар ин, ҳангоме ки онҳо ба назди қабр омада, онро холӣ ёфтанд, фариштае он ҷо буд, ки чунин гуфт: «Ӯ дар ин ҷо нест; Ӯ зинда шуд. Биёед ва ҷоеро, ки Худованд хобида буд, бинед». Оё шумо гумон мекунед, ки фаришта ба қабри дигар даромад? Фаромӯш накунед, ки ин қиссаҳоро одамони доно бофта баровардаанд. Аммо ин қисса мантиқ надорад!*
2. *Дигарон тахмин мекарданд, ки Исо намурда буд, балки аз ҳуш рафта буд, ва баъд дар қабри салқин ба худ омада берун баромад. Ба даромадгоҳи қабр санги калоне ғелонида буданд, ки бар он муҳрҳои ҳокимияти румӣ зада шуда буд. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ сангеро, ки ба нишебӣ ғелонида, дар чуқурчае устувор намуда буданд, аз дохил ғелонида наметавонист. Исо аз қабр баромада наметавонист, чунки захмдори хуншор буд.*

*Ҳақиқати одӣ ин аст, ки растохези Худованд Исо ҳақиқати таърихии пурра тасдиқшуда мебошад. Пас аз азобҳояш Ӯ ба шогирдонаш зинда, бо бисёр далелҳое ки рад кардани онҳо ғайриимкон аст, зоҳир шуд. Дар бораи он мавридҳои махсусе ки Ӯ пеш аз болошавияш ба шогирдони Худ зоҳир шуд, фикр кунед:*

1. *Ба Марями Маҷдалия (Марқ. 16,9-11);*
2. *Ба занҳо (Мат. 28,8-10);*
3. *Ба Петрус (Луқ. 24,34);*
4. *Ба ду шогирд дар роҳ ба сӯи Аммоус (Луқ. 24,13-32);*
5. *Ба шогирдон, ба ғайр аз Тумо (Юҳ. 20,19-25);*
6. *Ба шогирдон ва Тумо (Юҳ. 20,26-31);*

7. *Ба ҳафт шогирд дар назди баҳри Ҷалил (Юҳ. 21);*
8. *Ба зиёда аз 500 имондорон (1Қур. 15,7);*
9. *Ба Яъқуб (1Қур. 15,7);*
10. *Ба шогирдон дар кӯҳи Зайтун*
11. *(Аъм. 1,3-12).*

*Яке аз сангҳои асосии бунёдии имони масеҳии мо, ки устувор ва наҷунбанда аст, исботҳои таърихии растохези Худованд Исои Масеҳ мебошанд. Дар ин ҷой ману шумо метавонем биистем ва барои имон мубориза барем, чунки ба ин далелҳо зиддият кардан имкон надорад. Онро инкор кардан метавон, аммо ботил кардан имкон надорад.*[51]

### В. Супориши бузург (28,16-20)

**28,16-17** Худованди зиндашуда *дар Ҷалил* дар кӯҳи номаълум ба *шогирдони* Худ зоҳир шуд. Ҳамин гуна зоҳиршавӣ дар Марқ.16,15-18 ва 1Қур.15,6 сабт шудааст. Чӣ боздиди аҷиб! Азобҳои Ӯ ба таври абадӣ анҷом ёфтанд. Ӯ зинда аст, ва аз ин сабаб онҳо низ хоҳанд зист. Ӯ назди онҳо дар бадани ҷалолёфта меистод. Онҳо ба Худованди зинда ва дӯстдор саҷда намуданд, агарчи дар тафаккури баъзеи онҳо шубҳаҳо ҳанӯз ҳам реша доштанд.

**28,18** Сипас Худованд ба онҳо фаҳмонд, ки *ба Ӯ ҳамаи қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст.* Ба як маъное, албатта, Ӯ ҳамеша ҳамаи қудратро дошт. Аммо ин ҷо Ӯ дар бораи қудрате мегӯяд, ки ба Ӯ ҳамчун ба Сарвари офариниши нав дода шудааст. Пас аз марг ва растохези Худ Ӯ қудрати додани ҳаёти абадиро ба ҳамаи онҳое ки Худо ба Ӯ додааст, соҳиб шуд (Юҳ. 17,2). Ӯ ҳамеша қудратро ҳамчун Нахустзодаи тамоми офариниш дошт. Аммо акнун, ки Ӯ кори кафоратро ба ҷо овард, қудратро ҳамчун Нахустзода аз мурдагон соҳиб шуд, «то ки дар ҳама чиз Ӯ аввалин бошад» (Кул. 1,15.18).

**28,19-20** Ҳамчун Сарвари махлуқоти нав Ӯ Супориши бузурге дод, ки «дастуруламале» барои ҳамаи имондорон дар ҳамин марҳилаи Подшоҳӣ аст – аз вақти рад шудани Подшоҳ то омадани дуюми Ӯ. Ин супориш на пешниҳод, балки се амрро дар бар мегирад:

1. *«Пас, равед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед»* Ин имон овардани тамоми ҷаҳонро дар назар надорад. Хушхабарро мавъиза намуда, шогирдон бояд кӯшиш кунанд, ки дигарон шогирдон, ё пайравони Наҷотдиҳанда шаванд – аз ҳар миллат, қабила, халқ ва забон.
2. *Онҳоро ба номи Падару Писару Рӯҳулқудс* таъмид диҳед. Муждарасонони Масеҳ масъуланд, ки чӣ будани таъмидро таълим диҳанд, ва исрор намоянд, ки ин фармонест, ки бояд иҷро карда шавад. Ба воситаи таъмид масеҳӣ дар назди омма худро бо Ваҳдати Сегонаи илоҳӣ айният медиҳад. Ӯ эътиқод дорад, ки Худо Падари ӯст, Исои Масеҳ Худованд ва Наҷотдиҳандаи ӯст, Рӯҳулқудс бошад онест, ки дар ӯ зиндагӣ мекунад, қувват мебахшад ва таълим медиҳад. *«Ном»* дар ояти 19 дар шакли танҳост. Як ном, ё як мавҷуд, аммо се шахсият: *Падару Писару Рӯҳулқудс.*
3. *«Онҳоро таълим диҳед, то ҳамаи он чиро, ки ба шумо фармудаам, ба ҷо оваранд».* Супориши бузург аз расондани Хушхабар бештар аст; одамонро имондор кардан кофӣ нест, то ки баъд онҳоро танҳо гузорем, ки худашон дар ҳаққи худ ғамхорӣ кунанд. Онҳоро бояд ёд дод, то ба фармудаҳои Масеҳ, ки дар Аҳди Нав ҳастанд, *итоат кунанд.* Моҳияти шогирдӣ дар он аст, ки мо беш аз пеш ба Худованд монанд шавем, ва ин маҳз бо таълими системанок ва итоат ба Каломи Худо амалӣ мегардад.

Сипас Наҷотдиҳанда ба шогирдони Худ ваъда дод, ки то *охири ин давра* бо онҳо хоҳад буд. Онҳо набояд танҳо, бе мадади Ӯ, ба пеш раванд. Дар ҳар ҷои хизмат ва дар ҳамаи роҳҳои онҳо Писари Худо ҳамроҳашон хоҳад буд.

Таваҷҷуҳ намоед, ки дар ин Супориши бузург се бор калимаи *«ҳамаи»* истифода мешавад: *ҳамаи қудрат, ҳамаи халқҳо, ҳамаи он чиро ... ба ҷо оваранд, ҳамарӯза.*

Инак, Инҷил бо Супориши бузург ва тасалло аз ҷониби Худованди пурҷалоли мо ба анҷом мерасад. Пас аз бист садсола ин суханон дорои ҳамон гуна боварибахшӣ, ҳамон гуна аҳамият ва ҳамон гуна истифода мебошанд. Ин супориш ҳанӯз то ба охир иҷро нашудааст.

*Мо* чӣ кор мекунем, то ки супориши охирини Исоро иҷро намоем?

# Тавзеҳот

1. (1,1) «Яҳува» шакли тоҷикии номи ибрии Худо «Яҳве» аст, ки одатан бо калимаи «Худованд» тарҷума мешавад. Инро бо номи «Исо», шакли тоҷикии номи ибронии «Еҳушаъ» («Худо наҷот медиҳад»), муқоиса кунед.
2. (4,2-3) Дар ин типи ҷумлаи шартӣ сиғаи хабарӣ истифода мешавад. Маънои ин ҷумларо чунин ифода намудан мумкин аст: «Агар Ту – фарз кардем – Писари Худо бошӣ ...» ё «Азбаски Ту Писари Худо ҳастӣ».
3. (Руҷуъ) Дар матни аслӣ ин ҷо калимаи «dispensation» истифода шудааст, яъне «идора кардан, ба тартиб овардан». Он моҳияти усулҳоеро ошкор менамояд, ки Худо нисбати инсоният дар лаҳзаҳои муайяни таърихӣ ба кор бурдааст. Калима на танҳо муддати замонро ифода мекунад, аниқтараш, сухан дар бораи мақсадҳои Худо дар ягон муддати замон меравад.
4. (5,13) Albert Barnes. *Notes on the New Testament. Matthew and Mark*, саҳ. 47.
5. (5,22) Дар баъзе матнҳои юнонӣ калимаи «беҳуда» партофта шудааст; ҳамин тариқ, ин қоида ба ғазаби одилона низ дахл медошт.
6. (5,44-47) Дар баъзе матнҳои юнонӣ ба ҷои «боҷгирон» калимаи «бутпарастон» истифода шудааст.
7. (5,44-47) Дар аксари дастнависҳо ба ҷои «бародарон» калимаи «дӯстон» истифода шудааст.
8. (6,13) Баъзе илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки ситоиш ҳамчун унсури хизматгузорӣ ба Худо аз 1Вақоеънома 29,11 гирифта шудааст. Ин танҳо тахмин аст. Матни анъанавии протестантии дуо комилан асоснок аст.
9. (7,13-14) Дар аксари дастнависҳо ин ҷумла хитобӣ аст: «Чи танг мебошанд дарвозаҳо ва чи танг аст роҳе ки ба сӯи ҳаёт мебаранд, ва фақат баъзеҳо онҳоро пайдо мекунанд!»
10. (7,28-29) Jamieson, Fausset and Brown, *Critical and Explanatory Commentary on the New Testament,* ҷ. V, саҳ. 50.
11. (8,2) Баъзе намудҳои махав, ки дар Навиштаи Муқаддас зикр шудаанд, ва бемориe ки мо лепра ё махав меномем, – на ҳамон як бемори мебошанд. Масалан, дар Китоби Ибодат махав ҳамчунин намудеро, ки дар хона ва ё дар либос ёфтан мумкин аст, дар бар мегирад.
12. (8,16-17) Arno Gaebelein, *The Gospel of Matthew,* саҳ. 193.
13. (9,16) Gaebelein, *Matthew.* саҳ. 193.
14. (9,17) W. L. Pettingill, *Simple Studies in Matthew,* саҳ. 111-112.
15. (10,8) Дар аксари дастнависҳо «мурдагонро эҳё кунед» нест.
16. (10,21) J. C. Macaulay, *Obedient Unto Death, Devotional Studies in John's Gospel,* ҷ. II, саҳ. 59.
17. (10,41) A.T. Pierson, The Work of Christ for the Believer. *The Ministry of Keswick, First Series,* саҳ.114.
18. (11,27) Alva J. Gospel MacClain*, The Greatness of the Kingdom,* саҳ. 311.
19. (11,30) J. H. Jowett, иқтибос аз *Our Daily Bread.*
20. (12,8) E.W. Rogers, *Jesus the Christ,* саҳ. 65-66.
21. (12,19) MacClain, *Kingdom,* саҳ. 283.
22. (12,21) Kleist and Lilly. *The New Testament rendered from the Original Greek with Expended Notes*, саҳ. 45.
23. (12,27) Ella E. Pohle, *C. I. Scofield's Question Box,* саҳ. 97.
24. (13,13) H. Chester Woodring, Қайдҳои нашрнашуда аз дарсҳо оид ба Инҷили Матто, Emmaus Bible School, 1961.
25. (13,22) G.H. Lang, *The Parabolic Teaching of Scripture,* саҳ. 68.
26. (13,24-26) Merrill F. Unger, *Unger's Bible Dictionary,* саҳ. 1145.
27. (13,33) J. H. Brookes, *I Am Coming,* саҳ. 65.
28. (13,49-50) Gaebelein, *Matthew,* саҳ. 302.
29. (14,4-5) Сарчашма номаълум аст.
30. (16,2-3) Албатта, ин пешгӯии обу ҳаво барои Исроил дуруст аст, аммо на барои Осиёи Миёна.
31. (16,7-10) Дар дувоздаҳ сабаде («кофинои») ки аз 5000 боқӣ монд, назар ба ҳафт сабаде («спуридес») ки аз 4000 боқӣ монд, нони камтаре буда метавонад.
32. (16,17-18) G. Campbell Morgan, *The Gospel According to Matthew,* саҳ. 211.

33. (16,19) Charles R. Ryrie, ed., *The Ryrie Study Bible, New King James Version,* саҳ. 1506.
34. (16,20) James S. Stewart, *The Life and Teaching of Jesus Christ,* саҳ. 106.
35. (16,26) Donald Grey Barnhouse, *Words Fitly Spoken,* саҳ. 53.
36. (20,15) James S. Stewart, *A Man in Christ,* саҳ. 252.
37. (20, 31-34) Gaebelein, *Matthew,* саҳ. 420.
38. (21,6) J. P. Lange, *A Commentary on the Holy Scriptures,* 25 ҷ., саҳ. номаълум.
39. (23,8-10) H. G. Weston, *Matthew, the Genesis of the New Testament,* саҳ. 110.
40. (23,25-26) Дар аксари дастнависҳо ба ҷои калимаи «беинсофӣ» («адика») калимаи «беадолатӣ» («акразиа») аст.
41. (24,29) I. Velikovsky, *Earth in Upheaval,* саҳ.136.
42. (24,30) Калимаи юнонии «ге» ду маъно дорад: «замин» ва «кишвар».
43. (24,34) F. W. Grant, «Matthew», *Numerical Bible, The Gospels,* саҳ. 230.
44. (24,36) Дар нусхаи Инҷили юнонии Нестле-Аланд илова шудааст: «ва на Писар».
45. (25,28-29) A. T. Pierson, *Our Lord's Teachings About Money* (китобча), саҳ. 3,4.
46. (26,64) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Matthews Gospel,* саҳ. 1064.
47. (27,37) Агар ҳамаи қисмҳои иқтибосшударо якҷоя кунем, «Ин Исо аз Носира, Подшоҳи Яҳудиён аст» ҳосил мешавад. Ҳамчунин мумкин аст, ки ҳар як муаллифи Инҷил навиштаи пурраро, вале версияи забони дигареро, ки, эҳтимол, аз ҳам фарқ доштанд, иқтибос гирифт.
48. (27,54) Дар забони юнонӣ баъзе исмҳои хабарӣ, вақте ки пеш аз феъл меистанд, одатан бе артикл истифода мешаванд (қисми «Қоидаи Колвелл»).
49. (27,65-66) Merrill F. Unger, *Unger's Bible Handbook,* саҳ. 491.
50. (28,7-10) «Салом бар шумо!», бо тарҷумаи таҳтуллафзӣ «Шод бошед!», дуруди маъмулии юнонӣ буд. Дар субҳи Растохез тарҷумаи таҳтуллафзии ин калима бештар қобили қабул менамояд.
51. (28,15) Wilbur Smith, «In the Study», *Moody Monthly,* апрел 1969.

# Рӯйхати адабиёт

Barnhouse, Donald Grey.
*Words Fitly Spoken.*
Wheaton: Tyndale House Publishers, 1969.

Gaebelein, A. C.
*The Gospel of Matthew.*
New York: Loizeaux Bros., 1910.

Kelly, William.
*Lectures on Matthew.*
New York: Loizeaux Bros., 1911.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of Saint Matthew's Gospel.*
Minneapolis: Augsburg Publishing House, 1933.

Macaulay, J. C.
*Behold Your King.*
Chicago: The Moody Bible Institute, 1982.

Morgan, G. Campbell.
*The Gospel According to Matthew.*
New York: Fleming H. Revell Company, 1929.

Pettingill, W. L.
*Simple Studies in Matthew.*
Harrisburg: Fred Kelker, 1910.

Tasker, R. V. G.
*The Gospel According to St. Matthew, TBC.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1961.

Thomas, W. H. Griffith.
*Outline Studies in Matthew.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1961.

Weston, H. G.
*Matthew, the Genesis of the New Testament.*
Philadelphia: American Baptist Publication Society, сол номаълум.

**Матбуоти даврӣ ва маводи нашрнашуда**

Smith, Wilbur.
«In the Study», *Moody Monthly,* Апрел 1969.

Woodring, H. Chester.
Class Notes on Matthew, 1961, Emmaus Bible School, Oak Park, IL (ҳозир Emmaus Bible College)

# ИНҶИЛИ МАРҚУС

*Дар Инҷили Марқус таровати ва қуввае ҳаст, ки хонандаи масеҳиро ба худ ҷалб мекунад ва дар ӯ шавқу рағбатеро ба вуҷуд меоварад, ки мувофиқи ибрати Худованди қуддуси худ бо чизе хизмат кунад.*

Август Ван Рин

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Азбаски Инҷили Марқус аз ҳама кӯтоҳ аст, ва тақрибан навад фоизи маводи он дар Инҷили Матто ва Инҷили Луқо ё ин ки дар ҳар дуяшон низ вомехӯрад, пас саҳми ӯ чӣ гуна аст, ки мо ба он эҳтиёҷи зиёд дорем?

Пеш аз ҳама, услуби мухтасарбаёнии Марқус ва содагии рӯзноманигоронааш Инҷили ӯро муқаддимаи идеалӣ барои имони масеҳӣ мекунад. Дар арсаҳои нави таблиғот аксар вақт Инҷили Марқусро аввалин шуда ба забонҳои миллӣ тарҷума мекунанд.

Аммо на танҳо *услуби* фаҳмои зинда, ки алалхусус барои румиён ва ҳамонандҳои муосири онҳо қобили қабул аст, балки мазмуни Инҷили Марқус низ онро нотакрор мегардонад.

Марқус асосан худи ҳамон ҳодисаҳоеро, ки Матто ва Луқо тасвир кардаанд, дахл карда мегузарад, ва ба онҳо якчанд ҳодисаҳои нодирро илова мекунад, вале ба ҳар ҳол дар ӯ ҷузъиёти хушобуранге ҳастанд, ки дар дигарон нестанд. Масалан, ӯ ба он диққат медиҳад, ки Исо ба шогирдон чӣ гуна нигоҳ мекард, чӣ гуна Ӯ хашмгин мешуд ва чӣ гуна ӯ дар роҳ ба Уршалим пешопеши онҳо мерафт. Ин тафсилот, бешубҳа, аз Петрус, ки Марқус дар охири ҳаёти ӯ ҳамроҳаш буд, гирифта шудаанд. Ривоят мекунанд, ва эҳтимол чунин ҳам ҳаст, ки Инҷили Марқус – моҳиятан, хотираҳои Петрус мебошанд. Ин дар тафсилоти дорои хусусиятҳои шахсӣ, дар инкишофи сужет ва дар таассуроте инъикос ёфтааст, ки ин китобро шоҳиди ҳақиқии ҳодисаҳо навиштааст.

Аз тарафи ҳама қабул гардидааст, ки Марқус ҳамон ҷавоне буд, ки бараҳна гурехта буд (14,51) ва ин имзои хоксоронаи ӯ дар китоб аст. (Сарлавҳаҳои Инҷилҳо аз ибтидо як ҷузъи худи китобҳо набуданд.) Ривоят, эҳтимол, дуруст аст, зеро ки Юҳанно-Марқус дар Уршалим зиндагонӣ мекард; ва агар ӯ ба ягон тарике бо Инҷил алоқаманд намебуд, пас барои овардани ин рӯйдоди хурдакак сабаб ҳам намебуд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Аксарияти муаллифон ақидаи ибтидоӣ ва якдилонаи Калисоро қабул мекунанд, ки Инҷили дуюм аз тарафи Юҳанно-Марқус навишта шудааст. Ӯ писари Марями уршалимӣ буд, ки хонаи ӯро масеҳиён барои ҷамъомад истифода мебурданд.

*Шаҳодатҳои берунии* муаллифии ӯ барвақтианд, нисбатан асоснок ва аз қисмҳои гуногуни империя мебошанд. Папий (тақрибан соли 110-уми милодӣ) Юҳаннои Пирро (эҳтимол, расул Юҳанноро, гарчанде дигар шогирди аввалин низ истисно нест) иқтибос меоварад, ки ӯ ишорат мекард, ки ин Инҷилро Марқус, ҳамкори Петрус, навиштааст. Дар ин Юстини Риёзаткаш, Ириней, Тертуллиан, Клименти Искандариягӣ, Ориген ва «Муқаддима бар зидди маркионитҳо» ҳамфикранд.

*Шаҳодатҳои дохилии* муаллифии Марқус бисёр набошанд ҳам, ба ҳар ҳол бо ин ривояти умумии масеҳияти ибтидоӣ мувофиқанд.

Муаллиф, эҳтимол, Фаластинро ва махсусан Уршалимро хуб медонист. (Нақл дар бораи болохона нисбат ба дигар Инҷилҳо бо тафсилоти бештар нишон дода шудааст. Ҷои тааҷҷуб нест, агар ҳодисаҳо дар хонае ки кӯдакиаш гузаштааст, рӯй дода бошанд!) Инҷил муҳити арамӣ (забони яҳудиён) ва фаҳмиши урфу одатҳоро нишон медиҳад. Ба ғайр аз ин

услуби нақл ба алоқаи зич бо шоҳиди ҳодисаҳо ишорат мекунад.

Мазмуни китоб ба нақшаи мавъизаи Петрус дар боби 10-уми Аъмол мувофиқат мекунад.

Ривоят дар бораи он ки Марқус Инҷилро дар Рум навиштааст, бо истифодаи миқдори бештари калимаҳои лотинӣ, нисбат ба Инҷили дигарон, тасдиқ мегардад (чунин калимаҳо ба монанди *сентурион* [мирисад], *сензус* [барӯйхатгирӣ], *динариус* [динор], *легион* ва *преториум* [сарбозхона]).

Даҳ маротиба дар Аҳди Нав номи ғайрияҳудии (лотинии) муаллифи мо – Марқус, ва се маротиба – номи муштараки яҳудӣ-ғайрияҳудии Юҳанно-Марқус зикр карда мешавад. Марқус – хизматгор ё ёрдамчӣ: аввал аз они Павлус, баъд аз они тағо ё амаки худ Барнаббо ва, мувофиқи ривояти боваринок, аз они Петрус то худи марги ӯ – барои навиштани Инҷил дар бораи Хизматгори Комил одами идеалӣ буд.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Вақти навишта шудани Инҷили Марқус ҳатто аз тарафи олимони муҳофизакор, ки ба Навиштаи Муқаддас имон доранд, муҳокима карда мешавад. Таърихи навишта шуданро аниқ муайян намудан мумкин нест, аммо ба ҳар ҳол вақти навишта шудан ишора карда мешавад – то замони вайрон карда шудани Уршалим.

Ривоят дар ақида оид ба он ки оё Марқус мавъизаи Петрусро дар бораи зиндагонии Худованди мо то марги расул (то соли 64 – 68) ё баъди марги ӯ навиштааст, низ ба ду ҷудо мешавад.

Аз ҷумла, агар Инҷили Марқус – Инҷили аввалини навишташуда бошад, чӣ тавре ки имрӯз аксари олимон тасдиқ мекунанд, пас таърихи барвақти навишта шудан зарур аст, то ки Луқо маводи Марқусро истифода карда тавонад. Баъзе олимон Инҷили Марқусро ибтидои солҳои 50 санагузорӣ менамоянд, аммо санагузорӣ аз солҳои 57 то 60 бештар дуруст менамояд.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Дар ин Инҷил нақли аҷоиб дар бораи Хизматгори Комили Худо, Худованди мо Исои Масеҳ пешниҳод карда шудааст; нақл дар бораи Шахсе ки аз шукӯҳи зоҳирии ҷалоли Худ дар осмонҳо даст кашид ва дар замин ба сурати ғулом даромад (Фил. 2,7). Ин нақли беназир дар бораи Шахсест, ки «... на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон диҳад» (Марқ. 10,45).

Агар дар хотир дошта бошем, ки ин Хизматгори комил маҳз Худо Писар буд, ки ихтиёран бо либоси ғуломӣ камар баст ва ба одамон Хизматгор шуд, он гоҳ Инҷил барои мо бо ҷилои ҷовидонӣ медурахшад. Дар ин ҷо мо Писари таҷассумёфтаи Худоро мебинем, ки Ӯ дар замин чун Одами одӣ зиндагӣ мекард. Ҳама коре, ки Ӯ мекард, дар итоати комил ба иродаи Падари Ӯ карда мешуд; тамоми аъмоли пуриқтидори Ӯ бо таъсири Рӯҳулқудс ба амал оварда мешуданд.

Муаллиф Юҳанно-Марқус хизматгори Худованд буд; ӯ хеле хуб сар кард, ба сустии муваққатӣ дучор гашт (Аъм. 15,38), аммо баъдтар ба фоидаи хизмат аз нав қабул карда шуд (2Тим. 4,11).

Услуби Марқус тез, пуртаъсир ва мухтасар аст. Марқус бештар на ба суханони Худованд, балки ба аъмоли Ӯ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд; ин бо он далел тасдиқ мегардад, ки ӯ нуздаҳ муъҷиза ва танҳо чор масалро зикр мекунад.

Дар вақти омӯзиши ин Инҷил мо барои ҷавоб ёфтан ба се савол кӯшиш мекунем:

1. Он дар бораи чӣ мегӯяд?
2. Он чиро ифода мекунад?
3. Дар он барои ман чӣ гуна дарси ибрат ҳаст?

Барои ҳама шахсоне ки хизматгорони содиқ ва самимии *Худованд* будан мехоҳанд, ин Инҷил бояд китоби дарсии арзандаи хизмат шавад.

## Нақша

I. ТАЙЁР КАРДАНИ ХИЗМАТГОР (1,1-13)
II. ХИЗМАТИ ИБТИДОИИ ХИЗМАТГОР ДАР ҶАЛИЛ (1,14–3,12)
III. ДАЪВАТ ВА ОМӮЗОНДАНИ ШОГИРДОНИ ХИЗМАТГОР (3,13–8,38)
IV. САФАРИ ХИЗМАТГОР БА УРШАЛИМ (Б. 9 ва 10)
V. ХИЗМАТИ ХИЗМАТГОР ДАР УРШАЛИМ (Б. 11 ва 12)
VI. НУТҚИ ХИЗМАТГОР ДАР КӮҲИ ЗАЙТУН (Б. 13)
VII. УҚУБАТҲО ВА МАРГИ ХИЗМАТГОР (Б. 14 ва 15)
VIII. ҒАЛАБАИ ХИЗМАТГОР (Б. 16)

## Тафсир

### I. ТАЙЁР КАРДАНИ ХИЗМАТГОР (1,1-13)

### A. Саромади Хизматгор роҳ тайёр мекунад (1,1-8)

**1,1** Мавзӯи Инҷили Маркус – Хушхабар дар бораи *Исои Масеҳ, Писари Худо* мебошад. Азбаски мақсади муаллиф – нақши Худованд Исои Масеҳро чун Хизматгор махсус қайд кардан аст, ӯ на аз насабнома, балки аз хизмати ҷамъиятии Наҷотдиҳанда сар мекунад. Он аз тарафи Яҳёи Таъмиддиҳанда, мунодии Хушхабар эълон шуда буд.

**1,2-3** Пайғамбарон Малокӣ ва Ишаъё дар бораи қосиде (муждарасоне) сухан меронданд, ки пеш аз Масеҳ омада, халқро даъват менамояд, ки ба омадани Ӯ ахлоқан ва рӯҳан тайёр шавад (Мал. 3,1; Иш. 40,3). Яҳёи Таъмиддиҳанда ин пешгӯиҳоро иҷро кард. Ӯ чун *«овози нидокунандае дар биёбон»* фиристода шуда буд.

**1,4** Хабари ӯ аз он иборат буд, ки одамон тавба кунанд (ақидаҳои худро тағйир диҳанд ва аз гуноҳҳои худ рӯ гардонанд) ва *бахшоиши гуноҳҳоро* ба даст оваранд. Дар акси ҳол онҳо Худовандро қабул карда наметавонистанд. Танҳо одамони муқаддас Писари Қуддуси Худоро қадр карда метавонанд.

**1,5** Шунавандагони Яҳёи Таъмиддиҳанда ба гуноҳҳои худ иқрор мешуданд ва ӯ онҳоро таъмид медод. Ин ифодаи зоҳирии бозгашт намудани онҳо буд. Таъмид онҳоро аз аксарияти халқи Исроил, ки аз Худованд рӯ гардонд, ба таври кушоду равшан ҷудо мекард. Вай онҳоро бо боқимондаи халқ, ки ба қабули Худованд тайёр буд, муттаҳид менамуд. Аз ояти 5 чунин намуданаш мумкин аст, ки ҷавоб ба мавъизаи Яҳё умумӣ буд. Аммо ин чунин нест. Дар аввал туғёни шавқу завқ ба вуҷуд омада метавонист, ҳангоме ки одамони сершумор ба биёбон шитофтанд, то ки мавъизагари шуълаварро шунаванд, аммо аксари одамон тавбаи ҳақиқиро ба амал наоварданд ва аз гуноҳҳои худ рӯ нагардониданд. Ин ба андозаи инкишофи нақл намоён мегардад.

**1,6** *Яҳё* чӣ гуна одам буд? Шояд ҳозир бисёр касон ӯро мутаассиб ва гӯшанишин меномиданд. Хонаи ӯ биёбон буд. Ӯ ба монанди Илёс либоси аз ҳама дурушт ва аз ҳама одиро мепӯшид. Хӯроки ӯ барои нигоҳ доштани зиндагонӣ ва қувва кифоя буд, аммо онро дабдабанок номидан намешавад. Ин одаме буд, ки ҳама чизро ба як вазифаи пуршараф тобеъ кард – одамонро бо Масеҳ шинос намудан. Эҳтимол, ӯ метавонист сарватманд шавад, аммо камбағалиро афзал донист. Ҳамин тариқ, ӯ маҳз чунин мунодӣ гардид, ки ба Он Касе ки ҷое надошт, ки сар ниҳад, мувофиқат мекард. Аз ин мо дарси ибрат гирифта метавонем, ки ҳамаи хизматгорони Худованд бояд бо содагӣ фарқ кунанд.

**1,7** Яҳё дар бораи бартарии Худованд Исои Масеҳ хабар медод. Ӯ мегуфт, ки Исо аз ҷиҳати қудрат, бартарии шахсӣ ва хизмат бузургтар аст. Яҳё худро сазовори *банди пойафзоли* Наҷотдиҳандаро *кушодан* намеҳисобид (вазифаи ғулом). Мавъизаи пур аз Рӯҳулқудс ҳамеша Худованд Исои Масеҳро боло мебардорад ва «ман»-и худро беэътибор мекунад.

**1,8** Яҳё *бо об* таъмид медод. Ин аломати зоҳирӣ буд, ки дар зиндагонии одам дигаргунӣ ба вуҷуд намеовард. Исо бошад онҳоро *бо Рӯҳулқудс таъмид* хоҳад дод; ин таъмид аз пайи худ афзоиши зиёди қувваи рӯҳониро ба вуҷуд меоварад (Аъм. 1,8). Он ҳамчунин

имондоронро ба Калисо, ба Бадани Масеҳ, мепайвандад (1Қур. 12,13).

**Б. Саромад Хизматгорро таъмид медиҳад (1,9-11)**

**1,9** Дар ин вақт сӣ соли хомӯшӣ дар Носира ба итмом расид. Худованд Исои Масеҳ ба оғози хизмати ҷамъиятии Худ тайёр буд. Пеш аз ҳама Ӯ *аз Носира* ба *Урдун* дар наздикии Ариҳо 96 километрро тай намуд. Дар он ҷо Ӯ *аз Яҳё таъмид ёфт.* Дар мавриди Ӯ, албатта, тавба кардан талаб карда намешуд, зеро Ӯ гуноҳе надошт, то эътироф намояд. Барои Худованд таъмид амали рамзӣ буд, ки ғӯтаи Ӯро ба марг дар Ҷолҷолто ва растохези Ӯро аз мурдагон тасвир менамуд. Ҳамин тавр дар худи ба хизмати ҷамъиятӣ баромадани Ӯ нишонаи зиндаи салиб ва қабри холӣ гузошта шуда буд.

**1,10-11** Ҳамин ки Исо аз об баромад, Яҳё *дид, ки осмон шикофта аст ва Рӯҳ монанди кабӯтаре бар Ӯ мефуруояд.* Аз осмон овози Худо Падар даррасид, ки Исоро чун *Писари дӯстдоштаи* Худ тасдиқ мекард.

Дар зиндагонии Худованди мо чунин лаҳза набуд, ки Ӯ бо *Рӯҳулқудс* пур набошад. Аммо алҳол Рӯҳулқудс *бар Ӯ* фуруд омада, Ӯро барои хизмат тадҳин намуд ва ба Ӯ қувват ато намуд. Ин хизмати махсуси Рӯҳ буд, тайёрӣ ба се соли минбаъдаи меҳнат. Қувваи Рӯҳулқудс зарур аст. Одам соҳиби маълумот, истеъдод, аҳли сухан буда метавонад, аммо бе ин сифати ниҳонӣ, ки мо онро «тадҳин» меномем, меҳнати ӯ берӯҳ ва бесамар мешавад. Дар назди мо саволи ҳаётан муҳим меистад: Оё Рӯҳулқудс ба ман қувва барои хизмат ба Худованд ато кардааст?

**В. Хизматгор аз тарафи шайтон озмуда мешавад (1,12-13)**

**1,12-13** Хизматгори Яҳува дар давоми *чил рӯз* аз тарафи шайтон *дар биёбон* озмуда мешуд. *Рӯҳи* Худо Ӯро ба ин мулоқот на барои он овард, ки бинад, оё Ӯ гуноҳ мекунад ё не, балки барои исботи он, ки Ӯ наметавонад гуноҳ кунад. Агар Исо ба монанди одам дар замин гуноҳ карда метавонист, пас мо чӣ гуна ба он муътақид буда метавонем, ки Ӯ алҳол чун одам дар осмонҳо гуноҳ карда наметавонад?

Чаро Маркус ишорат мекунад, ки Ӯ дар он ҷо *бо ҳайвонҳои ваҳшӣ* буд? Оё ин ҳайвонҳое буданд, ки онҳоро шайтон ба несту нобуд кардани Худованд водор мекард? Ё ин ки онҳо дар ҳузури Офаридгори худ нармдил мешуданд? Мо танҳо саволҳо дода метавонем.

Дар охири чил рӯз *фариштагон ба Ӯ хизмат мекарданд* (муқоиса кунед Мат. 4,11); дар вақти озмоиш Ӯ ҳеҷ чиз намехӯрд (Луқ. 4,2).

Санҷишҳо дар зиндагонии имондор ногузиранд. Одам ҳар қадар наздиктар ба Худованд пайравӣ кунад, ҳамон қадар онҳо пурзӯртар мешаванд. Шайтон барои масеҳиёни номниҳод меҳнати барабас намекунад, аммо бар зидди онҳое ки дар муборизаи рӯҳонӣ ҳудудҳо ба даст меоваранд, тӯпҳои иёрашон калони худро омода менамояд. Озмудашаванда будан – гуноҳ нест. Гуноҳ *дар гузашт* кардан ба озмоиш ниҳон аст. Мо ба қувваи шахсии худ умед баста, ба он мухолифат карда наметавонем. Аммо Рӯҳулқудс, ки дар имондор сокин аст – қувваи ӯ барои аз байн бурдани майлу рағбатҳои торик мебошад.

**II. ХИЗМАТИ ИБТИДОИИ ХИЗМАТГОР ДАР ҶАЛИЛ (1,14–3,12)**

**А. Хизматгор ба хизмати Худ оғоз мекунад (1,14-15)**

**1,14-15** Марқус хизмати Худовандро дар Яҳудия партофта мегузарад (ниг. Юҳ. 1,14,54) ва аз хизмати бузург дар Ҷалил оғоз мекунад, ки он давраи 1 солу 9 моҳро фаро мегирад (1,14-9,50). Сипас, пеш аз он ки ба ҳафтаи охирин дар Уршалим гузарад, кӯтоҳакак ба марҳалаи охирини хизмат дар Перея дахл карда мегузарад (10,1-10,45).

*Исо ба Ҷалил омад ва Инҷили Подшоҳии Худоро мавъиза кард.* Мавъизаи ӯ ба таври мушаххас аз ин иборат буд:

1. *Вақт расидааст.* Мувофиқи муҳлатҳое ки пайғамбарон пешгӯӣ карда буданд,

вақти дар байни одамон зоҳир шудани Подшоҳ муқаррар гардида буд. Алҳол ин вақт расид.

2. *Подшоҳии Худо наздик* аст; Подшоҳ зоҳир шуд ва бо ниятҳои нектарин ба халқи Исроил Подшоҳро пешниҳод менамуд. Подшоҳӣ ба он маъно *наздик аст,* ки Подшоҳ зоҳир шуд.
3. Ӯ мардумро даъват менамуд, ки *тавба кунанд ва ба Инҷил бовар кунанд*. Барои ба Подшоҳӣ дохил шудан одамон бояд аз гуноҳ рӯй гардонанд ва ба Хушхабар дар бораи Худованд Исои Масеҳ бовар кунанд.

## Б. Даъват намудани чаҳор моҳигир (1,16-20)

**1,16-18** *Ва чун аз канори кӯли Ҷалил мегузашт,* Исо *Шимъун ва Андриёсро дид,* ки моҳӣ сайд мекарданд. Ӯ онҳоро пеш аз ин ҳам дида буд; амалан онҳо дар ибтидои хизмати Ӯ шогирди Ӯ шуда буданд (Юҳ. 1,40-41). Акнун бошад Ӯ онҳоро даъват намуд, то бо Ӯ бошанд ва ваъда дод, ки онҳоро *сайёди одамон* мекунад. Онҳо дарҳол кори моҳигирии сердаромади худро гузошта, аз пайи Ӯ равона шуданд. Фармонбардории онҳо фаврӣ, фидокорона ва қатъӣ буд.

Сайди моҳӣ – санъат аст, сайди мардум низ санъат ба ҳисоб меравад:

1. Сабру *тоқат* даркор аст. Аксар вақт соатҳои дароз дар танҳоӣ интизор шудан лозим аст.
2. Аз шаст, хӯр-хӯрак ё тӯрҳо истифода бурда *тавонистан* лозим аст.
3. *Зиракӣ* ва ақли солим зарур аст, то ба он ҷое ки моҳӣ равона мешавад, равад.
4. *Устуворӣ* зарур аст. Моҳигири хуб ба зудӣ ноумед намешавад.
5. *Осудагӣ* зарур аст. Стратегияи беҳтарин – аз монеаҳо канораҷӯӣ кардан ва худ дар дурӣ будан аст.

Мо, ҳангоме ки аз пайи Масеҳ меравем, *сайёдони одамон* мешавем. Ҳар қадар зиёдтар мо ба Ӯ монанд шавем, ҳамон қадар бештар дар ҷалб кардани дигарон назди Ӯ бобарор мешавем. Вазифаи мо *Ӯро пайравӣ кардан аст;* Ӯ бошад оид ба ҳама чизи боқимонда ғамхорӣ мекунад.

**1,19-20** Худованд Исо *аз он ҷо каме пеш рафта Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдойро дид, ки тӯрҳои худро соз мекунанд.* Ҳамин ки Ӯ *онҳоро даъват намуд, онҳо* бо *падари худ* хайрухуш карданд *ва аз пайи* Худованд *равона шуданд.*

Масеҳ ҳозир ҳам даъват менамояд, ки одамон ҳама чизро монда, аз пайи Ӯ раванд (Луқ. 14,33). Ба молу мулк ё ба падару модар имкон надиҳед, ки ба фармонбардорӣ монеа шаванд.

## В. Берун кардани рӯҳи нопок (1,21-28)

Оятҳои 21-34 рӯзи одиро дар зиндагии Худованд тасвир менамоянд. Муъҷиза аз пайи муъҷиза ба вуқӯъ мепайваст, ҳангоме ки Табиби бузург одамони рӯҳи нопок дошта ва беморонро шифо мебахшид.

Муъҷизоти шифо, ки Наҷотдиҳанда ба амал меовард, нишон медиҳанд, ки Ӯ чӣ тавр одамонро аз натиҷаҳои даҳшатноки гуноҳ халос мекунад. Инро ҷадвали дар поён овардашуда возеҳан намоиш медиҳад.

Гарчанде ҳозир мавъизагар барои ба амал овардани шифои ҷисмонии ба ин монанд даъват нашудааст, ӯ ҳамеша барои бо мушкилоти рӯҳонии ба ин монанд кордор шудан даъват шудааст. Магар муъҷизоте ки Худованд Исои Масеҳ дар Юҳанно 14,12 хотиррасон менамояд, бузург нестанд: «... ҳар кӣ ба Ман имон оварад, корҳоеро, ки Ман мекунам, вай низ мекунад ва ҳатто бузургтар аз он ҳам мекунад»?

**1,21-22** Вале биёед ба қиссаи Марқус бармегардем. Дар *Кафарнаҳум* Исо *дар рӯзи шанбе ба куништ даромад* ва ба таълим додан сар кард. Одамон фаҳмиданд, ки ин муаллими ғайриодӣ аст. Суханони Ӯ бо қуввае пур шуда буданд, ки ба шакку шубҳае роҳ намедод. Вай тамоман на ба монанди *китобдонон* таълим медод – бо овози якранг ва механикӣ. Ибораҳои Ӯ тирҳои Худои Тавоно буданд. Дарсҳои Ӯ ба худ ҷалб мекарданд, бовар мекунониданд, даъват мекарданд. Китобдонон бошанд дини беҷонро бо зӯрӣ бор мекарданд. Таълимоти Худованд Исои Масеҳ комилан воқеӣ буд. Ӯ барои эълони таълимоти Худ ҳуқуқи пурра дошт, зеро ки Ӯ мувофиқи он таълимоте, ки меомӯхт, зиндагонӣ мекард.

| МУЪҶИЗА | НАҶОТ АЗ |
|---|---|
| 1. Шифоёбии одаме ки рӯҳи нопок дошт (1,23-26) | 1. Нопокиҳои гуноҳ. |
| 2. Шифоёбии модарарӯси Шимъун (1,29-31) | 2. Ошуфтагӣ ва нороҳатиҳои гуноҳ. |
| | 3. Нафратангезии гуноҳ. |
| | 4. Нотавонӣ аз сабаби гуноҳ. |
| 3. Шифоёбии махавӣ (1,40-45) | 5. Беҳудагӣ аз сабаби гуноҳ. |
| 4. Шифоёбии мафлуҷ (2,1-12) | 6. Камбағалӣ, зӯроварӣ ва даҳшати гуноҳ. |
| 5. Шифоёбии дасти хушкшуда (3,1-5) | 7. Қувваҳои гуноҳ, ки аз қобилияти ҳаётӣ маҳрум мекунанд. |
| 6. Шифоёбии девзада (5,1-20) | |
| 7. Зани гирифтори хунравӣ буда (5,25-34) | 8. Марги рӯҳонӣ аз сабаби гуноҳ. (5,21-24.35-43) |
| 8. Зинда шудани духтари Ёир | |
| 9. Шифоёбии духтари зане ки аз Финиқияи Сурия буд (7,24-30) | 9. Ғуломии гуноҳ ва шайтон. |
| 10. Шифоёбии касе ки гӯши кар ва лакнати забон дошт (7,31-37) | 10. Қобилият надоштан ба шунидани Каломи Худо ва сухан рондан дар бораи чизҳои рӯҳонӣ. |
| 11. Шифоёбии кӯр (8,22-26) | 11. Нобиноӣ барои нури Инҷил. |
| 12. Шифоёбии девзада (9,14-29) | 12. Бераҳмии ҳукми шайтон. |
| 13. Шифоёбии Бартимайи кӯр (10,46-52) | 13. Ҳолати нобиноёна ва фақирона, ки гуноҳ ба он дучор менамояд. |

Ҳар касе ки Каломи Худоро таълим медиҳад, бояд бо эътибор сухан ронад ё тамоман гап назанад. Сарояндаи Забур гуфтааст: «Имон доштам, бинобар ин мегуфтам» (Заб. 115,1). Павлус ба ин суханон дар 2Қур. 4,13 ҳамовоз мешавад. Суханони онҳо бо эътиқоди амиқ асоснок карда мешуданд.

**1,23** *Дар куништи онҳо* касе буд, ки гирифтори рӯҳи нопок шуда буд. Ин рӯҳ чун *рӯҳи нопок* тасвир карда шудааст. Ин, эҳтимол, онро ифода мекунад, ки рӯҳ ҳузури худро бо ҷисман ва ахлоқан нопок гардондани одам зоҳир мекард. Девзадагиро бо шаклҳои гуногуни бемориҳои ақлӣ набояд омехта кард. Инҳо чизҳои гуногунанд. Ба одами девзада ҳақиқатан рӯҳи бад ворид мешавад ва ӯро идора мекунад. Чунин шахс басо рафторҳои фавқуттабиӣ карда метавонад ва бисёр вақт ҳангоми бо Шахсият ва амалҳои Худованд Исои Масеҳ вохӯрдан беҳуд мешавад ё куфр мегӯяд.

**1,24** Диққат кунед, ки рӯҳи бад *Исоро* мешиносад ва Ӯро Носирӣ ва *Қуддуси Худо* меномад. Инчунин ба ивaз шудани ҷонишини шумораи ҷамъ ба шумораи танҳо таваҷҷуҳ намоед: «Ту ба мо чӣ кор дорӣ? ... *Ту барои нест кардани мо омадаӣ! Ман медонам ...*» Дар аввал рӯҳи нопок гӯё ки худро бо одам якҷоя намуда сухан меронад; баъд ӯ танҳо аз номи худ гап мезанад.

**1,25-26** *Исо* шаҳодати рӯҳи нопокро, ҳатто агар он ҳақиқӣ бошад ҳам, қабул намекард. Бинобар ин Ӯ ба рӯҳи бад фармуд, ки *хомӯш шавад* ва *аз* одам *берун ояд*. Аз афташ, дидани одами ба *ларза* даромада ва шунидани фарёди баланди рӯҳе ки қурбонии худро тарк мекунад, ғайриодӣ буд.

**1,27-28** Ин муъҷиза тааҷҷуби амиқ ба вуҷуд овард. Мардум дар он ки Одам фақат бо фармон додан рӯҳи нопокро ронда метавонад, як чизи нав ва даҳшатоварро медиданд. Онҳо фикр мекарданд, ки оё ин саршавии таълимоти нави динӣ буд. Хабари муъҷиза зуд *дар тамоми сарзамини Ҷалил паҳн шуд*. Пеш аз он ки ба оятҳои дигар гузарем, биёед се чизро зикр намоем:

1. Аён аст, ки омадани якуми Масеҳ туғёни бузурги фаъолияти рӯҳҳои бадро дар замин ба вуҷуд овард.
2. Қудрати Масеҳ бар тамоми рӯҳҳои бад аз ғалабаи Ӯ бар шайтон ва ҳамаи хизматгорони вай дар вақти муайянкардаи Худо пешакӣ хабар мерасонад.
3. Дар ҳар ҷое ки Худо меҳнат кунад, шайтон муқобилат нишон медиҳад. Ҳар кӣ ба роҳи хизмат ба Худованд по мегузорад, ба ҳар як қадами худ зиддиятро интизор буда метавонад. «Чунки мубоpизаи мо на бар зидди хун ва ҷисм аст, балки

бар зидди сарвариҳо, бар зидди қудратҳо, бар зидди ҷаҳондорони ин давраи торик аст, бар зидди қувваҳои рӯҳонии бадӣ дар ҷойҳои осмонӣ» (Эфс. 6,12).

## Г. Шифоёбии модарарӯси Петрус (1,29-31)

«Дарҳол» – яке аз калимаҳои хоси ин Инҷил мебошад; он ба Инҷиле ки дар Худованд Исои Масеҳ хислати Хизматгорро зикр мекунад, махсусан мувофиқ аст.

**1,29-30** *Аз куништ* Худованди мо ба хонаи Шимъун раҳсипор гашт. Вақте ки Ӯ ба он ҷо омад, *хушдомани Шимъун таб карда хобида буд*. Дар ояти 30 гуфта шудааст, ки *дарҳол Ӯро аз ин ҳолати вай хабардор карданд*. Онҳо вақтро беҳуда аз даст надода, ба таваҷҷуҳи Шифобахшанда муҳтоҷ буданашро баён намуданд.

**1,31** Исо гап назада, аз дасти вай гирифт ва барои ба по рост истодан ёрӣ дод. Вай дарҳол шифо ёфт. Одатан таб одамро бемадор мекунад. Дар ин маврид Худованд на танҳо беморро шифо дод, балки ҳамон лаҳза барои хизмат қувва дод ва *вай онҳоро пазирой кард*.

Ҷ. Р. Миллер мегӯяд:

*Ҳар як бемор пас аз шифоёбие ки ба таври одӣ ё ғайриодӣ ба вуқуъ меояд, бояд ҳаёти ба ӯ баргардондаро ба хизмати Худованд бахшад. Миқдори зиёди одамон ҳамеша имконияти хизмат ба Масеҳро бо диққат ҷустуҷӯ карда, ба худ хизмати олидараҷа ва намоёнро тасаввур мекунанд. Дар айни замон онҳо чизеро, ки Масеҳ бо он ба Ӯ хизмат карданашонро мехоҳад, аз даст медиҳанд. Хизмати ҳақиқӣ ба Масеҳ пеш аз ҳама аз иҷрои бовиҷдононаи вазифаи ҳаррӯзаи худ иборат аст.*[1]

Он чиз ба худ диққатро ҷалб мекунад, ки Наҷотдиҳанда дар ҳар як муъҷизаи шифобахшӣ ҳар хел рафтор мекунад. Ин ба мо онро хотиррасон менамояд, ки дуто ба Масеҳ бозгашт кардани комилан якхела нестанд. Ба ҳар як одам ҷудогона муносибат кардан лозим аст.

Хушдоман доштани Петрус нишон медиҳад, ки ғояи муҷаррадии коҳинон дар он рӯзҳо бегона буд. Ин анъанаи мардумист, ки он дар Каломи Худо тасдиқ намеёбад ва он бадии зиёдро ба вуҷуд меоварад.

## Ғ. Шифоёбӣ ҳангоми фурӯравии офтоб (1,32-34)

**1,32-34** Дар давоми рӯз дар шаҳр овоза дар бораи ҳузури Наҷотдиҳанда паҳн гашт. Азбаски шанбе буд, одамон ҷуръат накарданд муҳтоҷонро ба назди Ӯ оваранд. Дар вақти расидани бегоҳ, ҳангоме *офтоб фурӯ рафта буд* ва шанбе ба охир расид, анбӯҳи одамон пеши дари хонаи Петрус шитофтанд. Беморон ва девзадагон дар он ҷо қувваеро диданд, ки он аз ҳар намуд гуноҳ ва оқибати он халос мекунад.

## Д. Мавъиза дар Ҷалил (1,35-39)

**1,35** Исо *хеле барвақт,* то субҳ, *хест,* ва *ба ҷои хилвате* рафт, ки дар он ҷо ҳеҷ чиз Ӯро аз дуо гуфтан ба чизи дигар ҷалб накунад. Ғуломи Худо ҳар субҳ гӯши худро мекушод, то ки панди Худо Падарро барои рӯзи оянда қабул намояд (Иш. 50,4-5). Агар Худованд Исои Масеҳ ҳар субҳ ба дуо гуфтан эҳтиёҷ ҳис мекарда бошад, пас мо ба ин чӣ қадар бештар муҳтоҷем! Таваҷҷуҳ намоед, дар он вақте ки дигарон истироҳат карданро афзал медонанд, Ӯ ба дуо гуфтан машғул буд; Ӯ *пагоҳӣ хеле барвақт* мехест ва, ҳанӯз дар торикӣ ба ҷои хилват мерафт. Дуо бояд на мояи роҳати шахсӣ, балки мояи худинтизомӣ ва худтакдимкунӣ бошад. Оё ин баёнгари он нест, ки чаро хизмати мо аксаран чунин бесамар аст?

**1,36-37** Ҳангоме ки *Шимъун* ва ҳамроҳони ӯ хестанд, мардуми зиёд дар назди хона аз нав ҷамъ омаданд. Шогирдон мехостанд ба Худованд рафта гӯянд, ки шухрати Ӯ афзуда истодааст.

**1,38** Боиси тааҷҷуби онҳо буд, ки Ӯ баргашта ба шаҳр нарафт, балки шогирдонро ба *деҳоту шаҳрҳои* атроф бурд, инро бо он шарҳ дод, ки Ӯ бояд *дар он ҷо низ мавъиза кунад.* Чаро Ӯ ба Кафарнаҳум барнагашт?

1. Пеш аз ҳама, Ӯ навакак дар дуо буд ва фаҳмид, ки Худо дар ин рӯз аз Ӯ чӣ мехоҳад.
2. Сонияи, Ӯ мефаҳмид, ки дар назди Ӯ зону задани мардуми Кафарнаҳум рӯякӣ буд. Наҷотдиҳандаро ҳеҷ гоҳ тӯдаи зиёди мардум ҷалб намекарданд. Ӯ берун аз ҳудуди зоҳирӣ нигоҳ мекард ва медид, ки дар дили онҳо чӣ ҳаст.

3. Ӯ дар бораи хатари шуҳрат медонист ва ба шогирдон дар намунаи ибрати шахсии Худ эҳтиёткор буданро меомӯхт, ҳангоме ки ҳама дар бораи онҳо фикрҳои хуб мегӯянд.
4. Ӯ суботкорона аз ҳар гуна намоиши рӯякӣ ва ҳиссиётии пуртаъсир, ки пеш аз салиб тоҷгузорӣ карданӣ мешуданд, канора меҷуст.
5. Ӯ ба мавъизаи Калом таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд. Шифобахшиҳои муъҷизавӣ, ки мақсади сабук кардани вазъияти ҳузновари одамонро доштанд, инчунин барои он муқаррар шуда буданд, ки диққатро ба мавъиза ҷалб намоянд.

**1,39** Ҳамин тавр, Исо мегашт ва *дар тамоми Ҷалил дар куништҳо мавъиза менамуд* ва *девҳоро берун мекард.* Ӯ мавъизаро бо таҷриба, суханро бо амал якҷоя мекард. Зикр кардан ҷолиб аст, ки Ӯ дар куништҳо чӣ гуна зиёд девҳоро берун мекард. Оё калисоҳои озодандеши ҳозира ба куништҳо монанд ҳастанд?

### Е. Покшавии махавӣ (1,40-45)

**1,40-45** Нақл дар бораи *махавӣ* ба мо ибрати насиҳатомези дуоро, ки ба он Худо ҷавоб медиҳад, нишон медиҳад:

1. Дуо самимӣ ва боисрор буд – аз Ӯ *зорӣ кард.*
2. Махавӣ эҳтиром нишон дод – дар назди Ӯ *зону зад.*
3. Вай бо фурӯтанӣ ва фармонбардорона хоҳиш мекард – *«агар хоҳӣ».*
4. Вай имон дошт – *«метавонӣ».*
5. Вай эҳтиёҷи худро эътироф менамуд – *«маро пок кун».*
6. Хоҳиши вай аниқ буд – на «ба ман баракат деҳ», балки *«маро пок кун».*
7. Хоҳиши вай шахсӣ буд – *«маро пок кун».*
8. Дуояш кӯтоҳ буд – панҷ калима дар забони нусхаи асл.

Нигаред, чӣ ҳодиса рӯй дод! *Исо, раҳмаш омад.* Биёед ин суханонро ҳамеша бо хурсандӣ ва ҳисси миннатдорӣ мехонем.

Ӯ *десташро дароз кард.* Дар ин бора андеша намоед! Дасти Худо дар ҷавоби дуои фурӯтанонаи имон дароз шуд.

Ӯ *дасташро ба вай расонд.* Мувофиқи шариат, агар шахс ба махав даст расонад, аз рӯи расму русум нопок мегардид. Инчунин хатари ба махав гирифтор шудан мавҷуд буд. Аммо Писари поки Одам азоби инсониятро пурра фаҳмид ва Худаш ба он мубтало нашуда, амали харобиовари гуноҳро барҳам дод.

Ӯ гуфт: *«Мехоҳам».* Ӯ нисбат ба хоҳиши шифо ёфтани мо зиёдтар шифо бахшидан мехоҳад. Пас аз он илова намуд: *«Пок* шав». Пӯсти махавӣ дарҳол ҳамвор ва пок гардид.

Исо овоза кардани муъҷизаро то вақте ки одам худро ба *коҳин* нишон надиҳад ва қурбонии муайяншударо наоварад, манъ кард (Иб. 14,2-32). Ин ҷо пеш аз ҳама санҷиши фармонбардории ин одам буд. Оё ӯ чунон ки ба ӯ фармуда шуда буд, рафтор намуд? Не, чунин накард; ӯ дар бораи ҳодисаи бо ӯ ба амал омада овоза пахн намуд, ва дар натиҷа барои хизмати Худованд монеа ба амал овард (ояти 45). Ин ҳамчунин санҷиши зиракии коҳин буд. Оё ӯ дар ин ҳодиса омадани Масеҳро, ки муъҷизаҳои аҷоиби шифобахширо ба амал меоварад, дид? Агар ӯ намояндаи маъмулии халқи Исроил бошад, пас надид.

Ва боз мо мебинем, ки Исо аз анбӯҳи одамон дур рафт ва *дар ҷойҳои беодам* хизмат мекард. Ӯ комёбиҳоро аз рӯи миқдор чен намекард.

### Ё. Шифоёбии шал (2,1-12)

**2,1-4** Ба зудӣ пас аз он ки Худованд *ба Кафарнаҳум омад, дар хонае,* ки Ӯ буд, мардуми *бисёр ҷамъ омаданд.* Овоза тез паҳн шуд ва мардум талабгори дар амал дидани Муъҷизакор буданд. Мардумро он ҷое ҷалб менамояд, ки Худо бо қувва амал мекунад. Наҷотдиҳанда садоқатмандона ба онҳо Каломро баён мекард ва одамон ҳатто дар назди дар ҷамъ шуданд. Дар қафои тӯдаи одамон *марди шале* буд, *ки вайро чор кас* дар занбари дарҳол тайёркардашуда *бардошта буданд.* Аз сабаби анбӯҳи одамон ӯро ба назди Худованд Исои Масеҳ наздиктар бурдан душвор буд. Одатан, ҳангоме ки мо дигаронро ба назди Исо мебарем, ҳамеша монеаҳо дучор мешаванд. Аммо имон касро ихтироъкор мекунад. Чор нафар борбардор бо зинапояҳои берунӣ ба болои боми хона баромаданд, қисман *боми* хонаро *кушоданд* ва *шалро* ба поён фаровარданд – эҳтимол,

ба ҳавлии дарунӣ, – ӯро ба наздиктари Писари Худо оварданд. Касе ба ин дӯстони нек лақаб гузошт: Ҳамдардӣ, Ҳамкорӣ, Субот-корӣ ва Зиракӣ. Ҳамаи мо бояд кӯшем, то дӯстоне бошем, ки сифатҳои ба ин монандро доранд.

**2,5** *Исо аз имони онҳо* мутаассир гардида *ба шал гуфт: «Эй фарзанд, гуноҳҳои ту бахшида шуданд»*. Ин суханон аҷиб менамоянд. Охир гап дар фалаҷ буд, на дар гуноҳ, оё ҳамин тавр нест? Бале, аммо Исо дар паси нишонаҳои беморӣ сабабро медид. Ҷисмро шифо дода, Ӯ дар бораи ҷон ғамхорӣ мекард. Ӯ масъалаи абадиятро бе таваҷҷуҳ гузошта, бо табобати ҷисми фонӣ машғул намешуд. Инак, Ӯ гуфт: *«Гуноҳҳои ту бахшида шуданд»*. Ин хабари олидараҷа буд. Алҳол, дар ин замин, дар ин зиндагӣ *гуноҳҳои* одам *бахшида шуда* буданд. Рӯзи довариро интизор шудани ӯ лозим набуд. Ӯ имрӯз кафолати бахшида шуданро гирифт. Ҳар як шахсе ки ба Худованд Исои Масеҳ имон меоварад, чунин боварӣ дорад.

**2,6-7** *Китобдонон* маънои ин изҳоротро зуд фаҳмиданд. Онҳо аз таълимоти Навиштаи Муқаддас ба таври кофӣ хуб бохабар буданд, то донанд, ки танҳо *Худо гуноҳҳоро бахшида метавонад*. Агар касе гӯяд, ки гуноҳҳоро мебахшад, бо ҳамин изҳор мекунад, ки Ӯ Худост. То ҳамин лаҳза мантиқи онҳо дуруст буд. Аммо, ба ҷои он ки Худованд Исои Масеҳро Худо эътироф намоянд, онҳо дар дили худ Ӯро дар *куфр* гунаҳкор намуданд.

**2,8-9** Исо андешаҳои онҳоро фаҳмид, ки аллакай худи ҳамин исботи қувваи фавқулодаи Ӯ буд. Ӯ ба онҳо саволи барангезанда дод: *«Кадомаш осонтар аст:* ба одам гуфтан, ки гуноҳҳои ӯ омурзида шуданд ё ин ки фалаҷи ӯ табобат карда шуд?» Аслан *гуфтани* ҳар дуи ин хеле осон аст. Аммо, аз нуқтаи назари одамӣ, ба андозаи баробар на инро *ба амал овардан* мумкин аст, на онро.

**2,10-12** Худованд аллакай ба ин одам дар бораи бахшида шудани гуноҳҳояш гуфт. Бале, аммо оё ин дар ҳақиқат рӯй дод? Китобдонон дида наметавонистанд, чӣ тавр гуноҳҳои одам бахшида мешуданд. Бинобар ин онҳо бовар накарданд. Барои нишон додани он ки гуноҳҳои одам дар ҳақиқат бахшида шудаанд, Наҷотдиҳанда ба китобдонон як чизи аёнӣ дод, ки онҳо дида тавонанд. Ӯ ба шал гуфт: *«Бархез, бистари худро бардор ва ... равона шав»*. Одам ҳамон дам итоат кард. Мардум *ҳайрон шуданд*. Ҳеҷ гоҳ онҳо дар ҳаёти худ *монанди инро надида буданд*. Аммо, ба шаҳодати моту мабҳуткунанда нигоҳ накарда, китобдонон бовар накарданд. Бовар кардан бо иродаи одам робитаи дутарафа дорад, онҳо бошанд бовар кардан намехостанд.

**Ж. Даъвати Левӣ (2,13-17)**

**2,13-14** Халқро дар назди *баҳр* таълим дода, Исо *Левиро* дид, ки боҷ ҷамъ мекард. Левӣ ба мо чун Матто маълум аст, ки баъдтар Инҷили аввалро навишт. Ӯ яҳудӣ буд, аммо машғулияти ӯ тамоман яҳудиёна набуд, агар ба назар гирем, ки ӯ боҷро барои ҳокимияти нафратангези Рум ҷамъ мекард! Чунин одамон на ҳамеша бо бовиҷдонӣ машҳур буданд. Мардум асосан онҳоро разилон, партовҳои ҷамъият меҳисобиданд, – чунон ки фоҳишагонро. Аммо ба ҳар ҳол ба Левӣ дар абадият он ба ҳисоб гирифта мешавад, ки даъвати Масеҳро шунида, ҳама чизро тарк кард ва *аз пайи Ӯ равона шуд*. Бигзор ҳар қадоми мо, ба монанди ӯ, якбора ва бе ҳеҷ гуна савол итоат кунад. Дар замони ҳозира шояд ин қурбонии бузург тобад, аммо дар абадият вай чун қурбонӣ ҳисобида нахоҳад шуд. Ҷон Эллиот, миссионере ки баъдтар риёзаткаш шуд, гуфтааст: «Ҳаргиз аҳмақ нест он одаме ки он чиро, ки нигоҳ дошта наметавонад, барои ба даст овардани он чи гум карда наметавонад, медиҳад».

**2,15** Левӣ *дар хонаи* худ зиёфат орост, ки дар он дӯстони худро бо Худованд Исои Масеҳ шинос карда метавонист. Дӯстони ӯ аксаран ба ӯ монанд буданд – *боҷгирон ва гуноҳкорон*. Исо даъвати бо онҳо якҷоя гузаронидани вақтро қабул намуд.

**2,16** *Китобдонон ва фарисиён* гумон мекарданд, ки Ӯро дар қонунвайронкунии ҷиддӣ дастгир намуданд. Ба ҷои он ки бевосита ба назди Ӯ раванд, онҳо ба *шогирдонаш* муроҷиат намуданд ва кӯшиш карданд боварӣ ва садоқати онҳоро барбод диҳанд. Чӣ тавр Худованди онҳо *бо боҷгирон ва гуноҳкорон* мехӯраду менӯшад?

**2,17** *Исо ин гапро шунида,* ба онҳо хотиррасон намуд, ки на тандурустон, балки танҳо беморон ба табиб эҳтиёҷ доранд. Китобдонон гумон мекарданд, ки онҳо *тандурустанд,*

бинобар ин эҳтиёҷи худро ба Табиби бузург дарк намекарданд. Боҷгирон ва гуноҳкорон гуноҳи худ ва эҳтиёҷ ба ёриро эътироф намуданд. Исо барои даъват намудани онҳо барин гуноҳкорон омадааст, на барои одамоне ки худро росткор метарошанд.

Дар ин барои мо ҳам дарси ибрат ҳаст. Мо набояд дар муҳити масеҳӣ маҳдуд шавем. Баръакс, мо бояд бо одамоне ки Худоро намедонанд, вохӯрем, то ки онҳоро ба назди Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо биёрем. Муносибатҳои дӯстонаро бо гуноҳкорон нигоҳ дошта, мо набояд коре кунем, ки шаҳодати моро беэътибор кунад, ё ба одамони наҷотнаёфта иҷозат диҳем, ки моро ба поён, то дараҷаи онҳо баранд. Мо бояд ташаббусро ба худ гирем ва дӯстонро бо роҳи мусбат, ки барои онҳо рӯҳан муфид аст, равона намоем. Аз ҷаҳони пургуноҳ ҷудо будан осонтар мебуд, аммо на Исо ин тавр мекард, на пайравони Ӯ бояд ин тавр кунанд.

Китобдонон фикр мекарданд, ки агар Ӯро дӯсти гуноҳкорон номанд, обрӯи Худовандро паст мекунанд. Аммо он чиро, ки онҳо чун таҳқир ният карданд, барои ба амал омадани муҳаббати боз ҳам бузургтар хизмат намуд. Ҳамаи раҳошудагон бо хурсандӣ Ӯро Дӯсти гуноҳкорон эътироф менамоянд ва Ӯро барои ин ҷовидона дӯст хоҳанд дошт.

### З. Мубоҳиса дар бораи рӯза (2,18-22)

**2,18** *Шогирдони Яҳё ва фарисиён рӯзаро* чун машқи динӣ ба ҷо меоварданд. Дар Аҳди Қадим рӯза чун ифодаи андӯҳи чуқур муқаррар шуда буд. Аммо вай аз бисёр ҷиҳат аҳамияти худро гум кард ва расму таомули муқаррарӣ шуд. Онҳо ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуданд, ки *шогирдони* Исо *рӯза намедоштанд,* ва, эҳтимол, дар дилҳои онҳо ҳасад ва таассуф ба худ пайдо шуд. Он гоҳ онҳо ба Худованд барои шарҳу эзоҳ муроҷиат намуданд.

**2,19-20** Дар ҷавоб Ӯ шогирдони Худро ба дӯстони *домод* монанд намуд. Худи Ӯ Домод буд. *То замоне ки* Домод ҳамроҳи шогирдон буд, онҳо барои ифодаи зоҳирии андӯҳ сабабе надоштанд. *Лекин рӯзҳое фаро мерасанд,* ки *Ӯ аз онҳо гирифта мешавад; ва дар он рӯзҳо* онҳо барои *рӯза доштан* сабаб хоҳанд дошт.

**2,21** Худованд дарҳол ду мисол овард, то ки дар бораи омадани асри нав, ки бо асри пешина мутобиқат намекунад, эълон намояд. Мисоли аввал ба дарбеҳи нав дахл дорад, ки аз матои *нав,* аз матои обнорасида гузошта шудааст. Агар ин дарбеҳро *ба либоси кӯҳна* гузорем, вай ҳатман медарояд ва матои кӯҳнаро медаронад. Либоси аз матои кӯҳна дӯхташуда беқувват аст ва агар ба он дарбеҳ дӯхта шавад, либос медарад. Исо Давраи Кӯҳнаро (Аҳди Қадим) ба либоси кӯҳна монанд намуд. Худо ҳеҷ гоҳ мақсад надошт яҳудиятро бо масеҳият дарбеҳ кунад; ин чизи тамоман нав буд. Таассуфе, ки дар ҳаққи Давраи Кӯҳна дар рӯза ифода меёфт, бояд ба хурсандӣ барои чизи нав роҳ диҳад.

**2,22** Дар мисоли дуввум сухан дар бораи *майи нав* ва *машки кӯҳна* мерафт. Машкҳои кӯҳнаи чармин чандирии худро гум мекарданд. Ва агар ба онҳо *майи нав* рехта шавад, пас он фишоре ки дар вақти ҷӯшиш ба амал меояд, машкҳоро медаронад. *Майи нав* хурсандӣ ва қувваи дини масеҳиро таҷассум менамояд. *Машкҳои кӯҳна* ба шаклҳо ва расму таомули яҳудиён ишорат менамоянд. Шароби нав ба машкҳои нав эҳтиёҷ дорад. Шогирдони Яҳё ва фарисиён пайравони Худовандро ба ғуломии рӯзаи ҳузномез, ки он вақт амалӣ карда мешуд, набояд бармегардонданд. Имкон додан лозим аст, ки чизи нав худро дар хурсандӣ ва ҷӯшу хурӯши зиндагӣ нишон диҳад. Масеҳият ҳамеша аз кӯшиши бо шариатпарастӣ омехта кардани он зарар медид. Худованд Исои Масеҳ таълим медод, ки шариат ва баракат номувофиқанд. Инҳо принсипҳои мухолифанд.

### И. Мубоҳиса дар бораи рӯзи шанбе (2,23-28)

**2,23-24** Ин ҳодиса ихтилофи байни анъанаҳои дини яҳудӣ ва озодии Инҷилро тасвир менамояд, ки оид ба он дар айни замон Исо таълим медод.

Вақте ки Ӯ *рӯзи шанбе аз киштзор мегузашт, шогирдонаш ... ба хӯшачинӣ сар карданд,* то бихӯранд. Бо ин онҳо ягон қонуни Худоро вайрон намекарданд. Вале мувофиқи анъанаҳои хурдагиронаи аз тарафи пирон муқарраршуда, шогирдон рӯзи шанберо риоя

накарданд, зеро «ҳосил ҷамъ оварданд», ва шояд, «ғалла кӯфтанд» (донаҳоро дар даст соиданд, то ки пӯчоқи онро дур кунанд)!

**2,25-26** Ба айбдоркуниҳои онҳо ҷавоб дода, Худованд ҳодисаеро аз Аҳди Қадим хотиррасон намуд. Ҳарчанд *Довуд* ба подшоҳӣ тадҳин шуда буд, ӯро рад карданд ва ба ҷои он ки ӯро чун подшоҳ ҳурмат намоянд, ӯро чун кабк сайд мекарданд. Боре, вақте ки захираҳои ӯ ба охир расиданд, *вай ба хонаи Худо даромад* ва *нони тақдимро* барои хӯроки одамони худ ва барои худ гирифт. Одатан хӯрдани нони тақдим ба ҳеҷ ягон кас ба ҷуз коҳинон мумкин набуд.

Аммо Худо Довудро барои ин кирдораш мазаммат накард. Чаро? Зеро ки дар Исроил вазъият ба иродаи Худо номуносиб буд. То он замоне ки Довуд ҷои сазовори худро чун подшоҳ гирифта наметавонист, Худо роҳ медод, ки ӯ он чиро кунад, ки одатан ғайриқонунӣ ҳисоб меёфт.

Худи ҳамин ҳодиса бо Худованд Исои Масеҳ рӯй дод. Ба Подшоҳӣ тадҳин шуда, Ӯ подшоҳӣ намекард. Худи ҳамин далел, ки ба шогирдони Ӯ дар дар аснои роҳ хӯшачинӣ кардан лозим меомад, нишон медод, ки корҳо дар Исроил нодуруст ба роҳ монда шудаанд. Худи фарисиён мебоист ба ҷои танқид Исо ва шогирдони Ӯро меҳмондорӣ мекарданд.

Агар Довуд ҳақиқатан бо хӯрдани нони тақдим қонунро вайрон намуд ва бо вуҷуди он Худо ӯро сарзаниш накард, пас шогирдон то чӣ андоза бештар бегуноҳ буданд, ки онҳо айнан дар ҳамин хел вазъият ғайр аз ривоятҳои пирон ҳеҷ чизро вайрон накардаанд!

Ояти 26 нишон медиҳад, ки Довуд *нони тақдимро* вақте *хӯрд,* ки *Абётор* саркоҳин буд. Мувофиқи 1 Самуил 21,1, дар он вақт Ахималик коҳин буд. Абётор писари ӯ буд. Шояд саркоҳин ба Довуд содиқ буд ва дар зери таъсири он чунин дуршавии ғайримуқарририро аз қонун роҳ дод.

**2,27-28** Худованди мо дар анҷоми суханони Худ ба фарисиён ёдрас намуд, ки *шанбе* аз тарафи Худо на барои ғулом кардани одамон, балки барои нафъи онҳо муқаррар шуда буд. Илова бар ин Ӯ гуфт, ки *Писари Одам хоҷаи рӯзи шанбе* низ *мебошад* – Худи Ӯ шанберо муқаррар карда буд. Пас Ӯ ҳуқуқи қарор додан дорад, ки дар ин рӯз чӣ мумкин аст ва чӣ мумкин нест. Албатта, ҳеҷ гоҳ пешбинӣ карда нашудааст, ки дар рӯзи шанбе кор аз рӯи зарурат ё барои корҳои нек бояд манъ карда шавад. Масеҳиён ба риояи кардани шанбе маҷбур нестанд. Ин рӯз барои мардуми Исроил дода шуда буд. Рӯзи махсус дар масеҳият – Рӯзи Худованд, рӯзи аввали ҳафта мебошад. Ба ҳар ҳол ин рӯзро бо ҳама гуна иҷозатҳо ва манъкуниҳои шариатпарастона пур кардан даркор нест. Аниқтараш ин рӯз имтиёзест, ки дар он имондорон фориғ аз корҳои дунё метавонанд Худоро парастиш кунанд, ба Ӯ хизмат кунанд ва барои рӯҳу ҷони худ ғамхорӣ кунанд. Мо ба худ набояд чунин савол диҳем: «Оё ин корро дар рӯзи Худованд кардан мумкин аст?» Аниқтараш бояд пурсем: «Ман чӣ гуна ин рӯзро баҳри ҷалоли Худо, барои баракати наздиконам ва барои некӯии рӯҳониям бо беҳтарин роҳ истифода бурда метавонам?»

### Й. Хизматгори Худо дар рӯзи шанбе шифо мебахшад (3,1-6)

**3,1-2** Боз як озмоиш дар рӯзи шанбе рӯй дод. Ҳангоме ки Исо *боз ба куништ даромад,* Ӯ *шахсеро* дид, *ки дасти хушкшудае дошт.* Ҳозирбудагонро саволе ба миён омад ки: Оё Исо *вайро дар рӯзи шанбе шифо* медиҳад? Агар, ҳа, фарисиён боз бар зидди Ӯ айбнома пешниҳод мекарданд. Дурӯягӣ ва мунофиқии онҳоро ба худ тасаввур намоед. Онҳо ба ин одам ҳеҷ ёрӣ дода наметавонистанд ва ба Оне ки инро карда метавонист, зид мебаромаданд. Онҳо баҳона меҷустанд, то ки Худованди зиндагиро маҳкум кунанд. Агар Ӯ *дар рӯзи шанбе* шифо бахшад, онҳо монанди галаи гургон ҳамла мекунанд, то ин ки Ӯро пора-пора кунанд.

**3,3-4** Худованд *ба шахс* фармуд, то *дар миёнҷо истад.* Муҳит бо интизорӣ пур буд. Баъд Ӯ ба фарисиён гуфт: *«Дар рӯзи шанбе кадом кор раво аст – некӣ кардан ё бадӣ кардан? Ҷонеро наҷот додан, ё ҳалок кардан?»* Саволи Ӯ гунаҳкории фарисиёнро ошкор мекард. Онҳо гумон доштанд, ки муъҷиза ба амал оварда ва дар рӯзи шанбе шифо бахшида, Ӯ қонунро вайрон мекунад. Дар баробари ин машварати куштани Ӯро дар рӯзи шанбе қонуншиканӣ намеҳисобиданд!

**3,5** Тааҷҷубовар нест, ки онҳо ҷавоб надоданд! Баъд аз хомӯшии ноҳинҷор Наҷотдиҳанда ба шахс фармуд, ки *дасти худро дароз* кунад. Вақте ӯ инро кард, ба ӯ қувва баргашт, ҷисмаш андозаи муқаррариашро гирифт ва чинҳояш нест шуданд.

**3,6** Ин зиёдтар аз он буд, ки *фарисиён* метавонистанд бардошт кунанд. Онҳо *берун рафта,* бо душманони анъанавии худ, бо *ҳиродиён* алоқа бастанд ва бо онҳо *маслиҳат намуданд,* то ки Исоро *ҳалок кунанд.* Ва ҳамаи ин дар рӯзи шанбе рӯй медод. Ҳиродус Яҳёи Таъмиддиҳандаро қатл кард. Шояд ҳизби ӯ бо ҳамин гуна муваффақият Исоро кушад? Фарисиён ба ин умедвор буданд.

## Й. Одамони зиёде Хизматгорро иҳота мекунанд (3,7-12)

**3,7-10** Куништро тарк карда, *Исо сӯи кӯли Ҷалил рафт.* Дар Навиштаи Муқаддас баҳр аксаран рамзи ғайрияҳудиён аст. Бинобар ин амали Ӯро чун рӯ гардонидан аз яҳудиён ба ғайрияҳудиён нишон додан мумкин аст. *Мардуми* аз ҳад *бисёре* на танҳо *аз Ҷалил,* балки боз аз ҷойҳои дур ҳам ҷамъ омаданд. Тӯда ба дараҷае серодам буд, ки Исо *киштии* на он қадар калонро талаб кард, то аз соҳил дур шавад ва аз тарафи одамоне ки барои шифоёбӣ омадаанд, пахш нашавад.

**3,11-12** Ҳангоме ки *рӯҳҳои нопок* аз байни тӯда фарёд мекарданд, ки Ӯ *Писари Худо аст, Ӯ онҳоро сахт таъкид мекард,* ки инро нагӯянд. Чунон ки пеш зикр шуда буд, Ӯ аз рӯҳи нопок шаҳодатро қабул намекард. Ӯ Писари Худо будани худро инкор намекард, аммо қарор дод, ки вақт ва тариқи эълони Писари Худо буданашро назорат кунад. Исо соҳиби қудрати шифобахшӣ буд, аммо Ӯ танҳо бар одамоне ки барои ёрӣ меомаданд, муъҷиза ба амал меовард. Ҳамчунин бо наҷотдиҳӣ ҳам. Қувваи наҷотдиҳандагии Ӯ барои ҳама басанда аст, вале танҳо ба онҳое таъсир мекунад, ки ба Ӯ боварӣ доранд.

Мо аз хизмати Наҷотдиҳанда дармеёбем, ки эҳтиёҷ худ аз худ даъват нест. Эҳтиёҷ дар ҳама ҷо буд. Исо ба нишондодҳои Падар Худо муҳтоҷ буд, ки ба Ӯ хабар медод, то дар куҷо ва кай хизмат кунад. Мо ҳам бояд чунин рафтор кунем.

# III. ДАЪВАТ ВА ОМӮЗОНДАНИ ШОГИРДОНИ ХИЗМАТГОР (3,13–8,38)

## А. Интихоби дувоздаҳ шогирд (3,13-19)

**3,13-18** Дар алоқамандӣ бо вазифаи инҷилшиносонии ҷаҳон Исо *дувоздаҳ* шогирд тайёр кард. Дар худи ин одамон ҳеҷ чизи ҷолиби диққат набуд; мансубияти онҳо ба Масеҳ онҳоро бузург гардонид.

Онҳо ҷавон буданд. Ҷеймс Е. Стюарт дар бораи ҷавонии шогирдон шарҳи барҷаста мекунад:

*Масеҳият чун ҳаракати ҷавонон сар шуд ... Дар санъати масеҳӣ ва мавъизаи масеҳӣ, мутаассифона, ин далелро бисёр вақт фурӯ менишонанд. Аммо комилан аниқ аст, ки шогирдони аввалин гурӯҳи ҷавонон буданд. Бинобар ин ҷои тааҷҷуб нест, ки масеҳият ба ҷаҳон чун ҳаракати ҷавонон ворид шуд. Аксари расулон, шояд, аз 20 то 30-сола буданд, вақте ки аз пайи Исо рафтанд. Худи Исо – ва мо ҳеҷ гоҳ набояд дар ин бора фаромӯш кунем – дар шабнами ҷавонӣ буда, ба хизмати заминӣ оғоз намуд (Заб. 109,3 – Худи Исо ин таронаро бори аввал нисбати Худ ба кор бурд ва баъд инро Калисои расулон кард). Нияти масеҳиёни замони баъдина, ки Худованди худро дар деворҳои катакомбаҳо на дар намуди чӯпони пир, мондашуда ё бо азобҳо хасташуда, балки ҳамчун чӯпони ҷавон дар талу теппаи субҳгоҳон тасвир менамуданд, ҳақиқӣ буд. Суханони суруди бузурги Исаак Воттс далели ҳақиқиро инъикос менамоянд:*

*Ҳангоме ки ман салиби муъҷизаосоро тасаввур мекунам,*

*Ки дар он Шоҳзодаи ҷавони пурҷалол мурд.*

*Ва ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ одамони ҷавонро бо хурсандӣ ва ҷасорати онҳо, олиҳимматӣ ва умедҳояшон, бо танҳоии ногаҳонӣ ва хаёлпарастии доимӣ, бо зиддиятҳои дохилӣ ва озмоишҳои сахт ин қадар намефаҳмид – ҳеҷ кас онҳоро ба монанди Исо ин қадар хуб намефаҳмид. Ва ҳеҷ кас, ба ғайр аз Исо, ин қадар аниқ дарк намекард, ки ҷавонии зиндагӣ, вақте ки одамро андешаҳои ниҳонии барояш ғайриодатӣ фаро мегиранд ва дар пеши ӯ тамоми ҷаҳон кушода мешавад, барои ба дили ӯ даст расонидани Худо беҳтарин вақт мебошад. Ҳикояро дар бораи аввалин дувоздаҳ нафар хонда, мо дар ҳақиқат оид ба*

*саргузаштҳои одамони ҷавон мехонем. Мо мебинем, ки чӣ тавр онҳо аз паси Пешвои худ, кӣ будани Ӯро аниқ нафаҳмида, ба номаълумӣ равона мешаванд, ё чаро онҳо ин тавр мекунанд, ё Ӯ онҳоро ба куҷо мебарад. Онҳо танҳо ба Ӯ майл доранд, аз як чизи ҷозиб дар дили Ӯ мафтун шудаанд, ба он ҷалб карда шудаанд ва нигоҳ дошта мешаванд. Аз тарафи дӯстон масхара шуда, аз тарафи бадхоҳон таъқиб шуда, баъзан бо шубҳа ва норозигии афзоянда дар дил, қариб аз ҳама чиз рӯ гардонидан хоста, аммо ба монанди аввала ба Ӯ содиқ монда, онҳо аз байни шикастапораҳои умеди худ ба садоқати бузургтаре равона буданд ва ниҳоят ба таври ботантана номи бузурги ба онҳо додашударо сазовор гаштанд: «гурӯҳи пурҷалоли расулон». Онҳоро дар ин лаҳза дидан меарзад, зеро ки мо ҳам метавонем ба ҳолати рӯҳонии онҳо расем ва ба Исо часпида қадам занем.*[2]

Даъвати дувоздаҳ нафар мақсади сегона дошт: 1) онҳо *ҳамроҳи Ӯ буда* метавонистанд; 2) *Ӯ метавонист онҳоро барои мавъиза фиристад;* 3) *онҳо қудрат доштанд, ки беморонро шифо диҳанд ва девҳоро берун кунанд.*

Аввалан, онҳоро давраи омӯзиш интизор буд – тайёр намудани ҳар яке пеш аз мавъиза ба дигарон. Ин принсипи асосии хизмат мебошад. Мо вазифадорем як муддатеро *бо Ӯ* гузаронем, пеш аз он ки ҳамчун намояндаи Худо баромад намоем.

Сониян, Исо онҳоро *барои мавъиза* фиристод. Эълони Каломи Худо, тарзи асосии инҷилшиносонии онҳо, бояд ҳамеша дар марказ бошад. Ҳеҷ чиз набояд онро ба мадди дуюм гузорад.

Сеюм, онҳо *қудрати* фавқулодаро ба даст оварданд. Берун баровардани *девҳо* барои одамон чун далели он хизмат мекард, ки Худо ба василаи расулон сухан меронд. Навиштаи Муқаддас ҳанӯз анҷом наёфта буд. Тавсияномаҳои фиристодагони Худо мӯъҷизот буданд. Дар замони мо одамон ба Каломи анҷомёфтаи Худо роҳ ёфтаанд ва онҳо бояд ба он бе тасдиқи мӯъҷизот бовар кунанд.

**3,19** Номи *Яҳудои Исқарьют* дар қатори номҳои расулон алоҳида меистад. Бо одаме ки расул интихоб шуд, аммо хиёнаткори Худованди мо гардид, сирре алоқаманд аст. Барои хизмати масеҳӣ дарди бузургтарин он аст, ки ягон одами боистеъдод, бовиҷдон ва зоҳиран маърифатнок баъдтар ба Наҷотдиҳанда пушт мегардонад ва ба он ҷаҳоне бармегардад, ки Ӯро ба салиб кашид.

Ёздаҳ нафар садоқати худро ба Худованд исбот намуданд ва ба шарофати онҳо Ӯ ҷаҳонро тамоман дигар кард. Кори онҳо дар чорабиниҳои инҷилшиносонии доимо инкишофёбанда давом дорад ва ба як маъно мо самари хизмати онҳо ҳастем. Ва ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки таъсири мо ба паҳнкунии масеҳият то чӣ андоза аҳамиятнок буда метавонад.

## Б. Гуноҳи бахшиданашаванда (3,20-30)

**3,20-21** Исо аз кӯҳе ки он ҷо Ӯ шогирдони Худро даъват намуд, ба хона дар Ҷалил баргашт. Аз пайи Ӯ *мардуми* зиёде равона буданд ва Ӯ бо шогирдонаш чунон машғул буданд, ки фурсати нон хӯрдан ҳам надоштанд. Чӣ кор кардани Ӯро шунида, *хешовандони Ӯ* гумон карданд, ки Ӯ бехуд шудааст ва барои бурдани Ӯ омаданд. Бешубҳа, ҷидду ҷаҳди ин мутаассиби динӣ аз оилаи онҳо хешовандонро ба ошуфтагӣ меовард.

Ҷ. Р. Миллер шарҳ медиҳад:

*Онҳо ҷидду ҷаҳди хастанашавандаи Ӯро танҳо бо бехуд шудани Ӯ фаҳмонида метавонистанд. Мо имрӯз шоҳиди ақидаҳои зиёди ба ин монанд мебошем, вақте ки ягон пайрави Масеҳ Худованди хешро дӯст дошта, тамоман дар бораи худ фаромӯш мекунад. Одамон мегӯянд: «Эҳтимол, ӯ бехуд шудааст». Онҳо фикр мекунанд, ки ҳар як инсоне ки ҳиссиёти диниаш бо қувваи ғайриодӣ шуъла мезанад, ё оне ки дар хизмати худ ба Худованд нисбат ба масеҳии одӣ боэҳтимомтар мебошад, девона аст ...*

*Ин бехудӣ хуб аст. Афсӯс, ки он на ҳамеша рӯй медиҳад. Агар ин бисёртар мебуд, дар атроф ин қадар ҷонҳои наҷотнаёфта бисёр намебуданд, ки на он қадар дур аз калисоҳои мо мурда истодаанд; ёфтани миссионерҳо ва воситаҳо барои фиристодани Инҷил ба кишварҳои дур он қадар душвор намебуд;дар калисоҳои мо ҷойҳои холӣ ин қадар бисёр намебуд; ҳангоми ҷамъомадҳои дуогӯӣ ин қадар фосилаҳои дарози зиёд намебуд; дар мактабҳои якшанбегии мо ин қадар муаллимони кам намебуд. Мӯъҷизаовар мебуд, агар ҳамаи масеҳиён ин гуна аз худ бехуд мешуданд, чун Худованд ё чун Павлус. Бехудии ин дунё аз ин бадтар аст:*

*он ҳама вақт ба одамони беимон дар робитаи наздик буда, ба онҳо раҳм намекунад, ба ҳалокшудагии онҳо ғамхорӣ намекунад ва ҳеҷ қуввае сарф намекунад, то онҳоро наҷот диҳад. Дилхунук ва бо хиради сард монда, ба ҷонҳои мурдаистода ғамхорӣ накардан осонтар аст. Вале мо нигоҳбонони бародарони худ ҳастем ва ҳеҷ гуна хато бадтар аз он буда наметавонад, ки ба одамони муҳтоҷ ба наҷоти абадӣ аҳамият надиҳем.*[3]

Дуруст аст, ки инсони барои Худо сӯхтаистода ба ҳамзамонони худ беақл намояд. Чӣ қадаре ки мо ба Исо шабеҳ шавем, аз нофаҳмие ки мо дар байни хешу ақрабо ва дӯстони худ мебинем, ғаму андӯҳи боз ҳам зиёдро бояд аз сар гузаронем. Агар мо бойигариро ба даст овардан хоҳем, одамон моро меписанданд. Лекин мо агар ба Исои Масеҳ хизмат кунем, онҳо моро нафрин мекунанд.

**3,22** *Китобдонон* гумон намекарданд, ки Ӯ гирифтори бемории рӯҳӣ буд. Онҳо Ӯро дар он гунаҳкор карданд, ки Ӯ девҳоро ба воситаи *Баал-Забул, роҳбари девҳо* берун мекунад. Номи *Баал-Забул* «ҳокими магасҳои саргин» ё ин, ки «ҳокими партовҳо» маъно дорад. Ин айбдоркунии ҷиддӣ, қабеҳ ва куфр буд!

**3,23** Дар аввал Исо инро рад кард, баъд онҳоеро, ки инро баён карда буданд, маҳкум кард. Агар Ӯ девҳоро бо ёрии Баал-Забул берун кунад, пас шайтон худаш бо худаш мубориза бурда, нақшаҳои худро барҳам медиҳад. Мақсади ӯ – бо ёрии девҳо одамонро назорат кардан ва бастан мебошад, на ин ки аз онҳо халос кардан.

**3,24-26** *Подшоҳӣ, хонавода* ё шахсият, *бар зидди худ аз ҳам ҷудо шуда,* устувор истода наметавонанд. Пояндагӣ ба амалиёти якҷояи дохилӣ вобаста аст, на ин ки ба мухолифат.

**3,27** Бинобар ин айбдоркунӣ аз тарафи китобдонон бемаънӣ буд. Дар асл Худованд Исо он чиро мекард, ки баръакси гуфтаҳои онҳо буд. Муъҷизаҳои Ӯ бештар маънои сарнагуншавии шайтонро дошт, на баландшавии ӯ. Наҷотдиҳанда маҳз ҳаминро дар назар дошт, вақте ки гуфт: *«Ҳеҷ кас наметавонад ба хонаи шахси зӯрманде даромада, чизҳои вайро ғорат кунад, бе он ки аввал он зӯрмандро бандад, – ва пас аз он хонаи вайро ғорат мекунад».*

*Зӯрманд* – шайтон аст. *Хона* – мулки ӯ; вай – худои ин ҷаҳон мебошад. *Чизҳои ӯ* – одамонеанд, ки ӯ ба онҳо ҳукм дорад. Исо шайтонро баста, *хонаи ӯро* ғорат мекунад. Дар вақти омадани дуввуми Исо шайтон баста шуда, ба муддати ҳазор сол ба чуқурии бетаг партофта мешавад. Девҳоро берун кардани Наҷотдиҳанда ҳангоми хизмати заминии Ӯ чун пешгӯии банд кардани ниҳоӣ ва пурраи шайтон хизмат мекард.

**3,28-30** Дар оятҳои 28-30 Худованд насиби китобдононро, ки дар гуноҳи бахшиданашаванда айбдор буданд, баён мекунад. Бо айбдор кардани Исо дар он ки гӯё Ӯ девҳоро бо қувваи шайтон берун мекард, агарчи дар асл Ӯ инро бо қувваи Рӯҳулқудс мекард, онҳо, моҳиятан, Рӯҳулқудсро шайтон меномиданд. Ин *Рӯҳулқудсро* ҳақорат додан аст. *Ҳамаи* гуноҳҳо метавонанд *бахшида* шаванд, аммо маҳз ин гуноҳ бахшида намешавад. Ин гуноҳи *абадист.*

Оё одамон ин гуноҳро дар рӯзҳои мо карда метавонанд? Эҳтимол, не. Ин гуноҳ дар замоне вуҷуд дошт, ки Исо дар замин буда, муъҷиза ба амал меовард. Азбаски Ӯ ҳозир дар замин дар ҷисми табиӣ вуҷуд надорад, ва девҳоро берун намекунад, чунин имконияти бадгӯӣ кардан ба Рӯҳулқудс мавҷуд нест. Одамоне ки оид ба гуноҳи нобахшиданӣ ба ташвиш меафтанд, инро содир накардаанд. Худи далели он, ки онҳо аз ин ба ташвиш афтодаанд, онро ифода мекунад, ки онҳо дар бадгӯӣ ба Рӯҳулқудс гунаҳкор нестанд.

## В. Модар ва бародарони ҳақиқии Хизматгор (3,31-35)

**3,31-35** Марям, *модари* Исо ва *бародарони Ӯ* барои бо Ӯ ҳамсӯҳбат шудан омаданд. Мардуми зиёд барои ба Ӯ наздик шудан халал расониданд ва онҳо касеро фиристода гуфтанд, ки Ӯро *берун* аз хона интизоранд. Вақте ки фиристода дар бораи он гуфт, ки *модари Ӯ ва бародаронаш* мехоҳанд Ӯро бинанд, *Ӯ* ба онҳое ки гирди Ӯ нишаста буданд, нигариста, гуфт, ки *модар ва бародарони Ӯ онҳое* мебошанд, *ки хости Худоро ба ҷо меоваранд.*

Аз ин мо якчанд дарси ибрат гирифта метавонем:

1. Пеш аз ҳама суханони Худованд Исо манъи парастиши Марям (чун шакли бутпарастӣ) гардид. Ӯ ба вай, ҳамчун ба модари ҳақиқии Худ, бо ҳурмат

муносибат намуд, аммо ба он ишорат кард, ки муносибатҳои рӯҳонӣ бар муносибатҳои хешутаборӣ афзалият доранд. Барои Марям ба ҷо овардани хости Худо бештар шоёни таҳсин буд, нисбат ба он ки модари Ӯ бошад.

2. Сипас, ин таълимотеро рад мекунад, ки гӯё Марям ҳамеша бокира монда буд. Исо бародарон дошт. Исо фарзанди нахустини Марям буд, аммо баъдтар ӯ писарон ва духтарони дигарашро зоид (ниг. Мат. 13,55; Марқ. 6,3; Юҳ. 2,12; 7,3.5.10; Аъм. 1,14; 1Қур. 9,5; Ғал. 1,19; ниг. инчунин Заб. 68,9).
3. Исо манфиатҳои Худоро аз робитаҳои хешутаборӣ болотар мегузошт. Ӯ ба пайравони Худ ҳозир ҳам чунин мегӯяд: «Агар касе назди Ман ояд ва падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин ҷони худро бад набинад, вай наметавонад шогирди Ман бошад» (Луқ. 14,26).
4. Ин ҷо ба мо онро ёдрас менамояд, ки имондорон бо масеҳиёни дигар нисбат ба хешутабори ҳамхуни наҷотнаёфтаи худ бо робитаҳои мустаҳкамтаре алоқаманд мебошанд.
5. Ва, ниҳоят, дар ин ҷо он чиз қайд карда мешавад, ки барои Исо иҷро кардани хости Худо чӣ гуна ҷои муҳимро ишғол менамояд. Оё ман ба ин меъёр мувофиқат менамоям? Оё ман модар ё бародари Ӯ ҳастам?

## Г. Масал дар бораи коранда (4,1-20)

**4,1-2** Исо *боз дар канори кӯл ба таълим додан сар кард.* Аз сабаби зиёдии мардум ба Ӯ аз нав лозим омад *киштиро* каме аз соҳил дур бурда, ба ҷои минбар истифода барад. Ва Ӯ ҷаҳони табиатро истифода бурда, аз нав ба онҳо дар бораи Худ дарсҳои рӯҳонӣ таълим медод. Ӯ дар олами табиат ҳақиқатҳои рӯҳониро дида метавонист. Ҳамаи мо бояд чунин биниш дошта бошем.

**4,3-4** Ин масал дар бораи *коранда,* дар бораи тухм ва хок нақл мекунад. Замини канори роҳ аз ҳад зиёд *сахт* буд, то ки тухм сабзида тавонад. *Ва парандагон* парида *омаданд* ва онро барчиданд.

**4,5-6** Ҷои *санглох* қабати тунуки хок дошт, ки он асоси мустаҳкамро мепӯшонид. Қабати тунуки хок решаҳои тухмро чуқур рафтан намонд.

**4,7** Буттаҳои *хор* тухмро аз ғизо ва офтоб маҳрум сохтанд ва сабзаро пахш карданд.

**4,8-9** *Хоки нағз* чуқур шудгор шуда буд ва барои нашъунамои тухм шароити мусоид дошт. Баъзе тухмҳо *сӣ баробар,* баъзе *шаст* баробар, баъзеашон бошанд *сад* баробар бор оварданд.

**4,10-12** *Ҳангоме ки* шогирдон бо Исо танҳо монданд, *аз Ӯ пурсиданд,* ки чаро Ӯ бо масалҳо сухан гуфт. Ӯ ба онҳо фаҳмонд, ки танҳо ба одамони соҳибфаросат *донистани сирри Подшоҳии Худо дода шудааст. Сирр* дар Аҳди Нав – ҳақиқатест, то замоне номаълум, ки танҳо ба василаи ваҳйи махсус дониста шуданаш мумкин аст. *Сирри Подшоҳии Худо* дар ин аст:

1. Худованд Исои Масеҳ, вақте ки Худро чун Подшоҳи Исроил пешниҳод намуд, рад шуда буд.
2. Пеш аз он ки Подшоҳӣ дар ҷаҳон ба маънои аслӣ барқарор карда мешавад, бояд давраи мобайнии вақт гузарад.
3. Дар ин давраи мобайнӣ он дар намуди рӯҳонӣ хоҳад буд. Ҳамаи онҳое ки Масеҳро Подшоҳ эътироф мекунанд, ҳатто дар набудани Худи Подшоҳ дар Подшоҳӣ хоҳанд буд.
4. Дар давраи мобайнӣ Каломи Худо бо муваффақияти мухталиф кошта хоҳад шуд. Баъзе одамон дар ҳақиқат имон меоваранд, дигарон бошанд танҳо ба ном имондор хоҳанд буд. Ҳамаи онҳое ки худро масеҳӣ меноманд, дар доираи берунаи Подшоҳӣ хоҳанд буд ва танҳо имондорони ҳақиқӣ ба доираи дарунии Подшоҳӣ ворид мешаванд.

Оятҳои 11 ва 12 шарҳ медиҳанд, ки чаро ин ҳақиқат дар масалҳо баён гардидааст. Худо асрори оилавии Худро ба онҳое мекушояд, ки дилҳояшон кушода, соҳибфаросат ва итоаткор мебошанд, вале дидаву дониста аз онҳое ки маслиҳати додаи ӯро рад мекунанд, ҳақиқатро пинҳон медорад. Инҳо касоне мебошанд, ки ба қавли Исо, *дар берунанд.* Суханон дар ояти 12 ба хонандаи тасодуфӣ сахт ва ноҳақ намуданашон мумкин аст: *Бо чашмҳои худ нигаранд, вале набинанд; бо гӯшҳои худ*

*шунаванд, вале нафаҳманд;* онҳо метавонистанд *бозгашт кунанд ва гуноҳҳои онҳо бахшида шаванд.*

Аммо мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин одамон чӣ гуна имтиёзи бузурге доштанд. Худи Писари Худо дар байни онҳо буда, таълим медод ва дар назди онҳо муъҷизоти бузург ба амал меовард. Ба ҷои он ки Ӯро чун Масеҳи ҳақиқӣ эътироф намоянд, онҳо ҳозир ҳам Ӯро рад менамуданд. Азбаски онҳо Нури ҷаҳонро рад намуданд, бинобар он аз нури маърифати Ӯ маҳрум хоҳанд шуд. Аз ин замон, муъҷизоти Ӯро дида, онҳо аҳамияти рӯҳонии онро нахоҳанд фаҳмид; суханони Ӯро шунида, дарси амиқи дар онҳо бударо қадр нахоҳанд кард.

Чунин чизе ҳаст, ба монанди имконияти бори охирин шунидани Хушхабар. Зиндагонии гуноҳолудро давом дода, рӯзи марҳаматро аз даст додан мумкин аст. Одамон аз паҳлуи нуқтаи наҷот гузашта, мувофиқи ҷараён ҳаракат мекунанд. Мардон ва занони Наҷотдиҳандаро радкарда ҳастанд, ки дигар ҳеҷ гоҳ имконияти тавба кардан ва бахшида шудан нахоҳанд дошт. Онҳо метавонанд хабари Инҷилро шунаванд, аммо он ба гӯшҳои кар ва дилҳои сангин меафтад. Мо мегӯем: «То замоне ки ҳаёт аст, умед ҳаст», аммо Навиштаи Муқаддас дар бораи одамоне мегӯяд, ки зиндаанд, лекин аз умед ба тавба маҳруманд (мас. Ибр. 4,4-6).

**4,13** Ба масали коранда аз нав баргашта, Худованд Исои Масеҳ аз шогирдони Худаш пурсид, ки чӣ тавр онҳо ҳамаи *масалҳоро мефаҳманд,* агар ин масали одӣ ба онҳо фаҳмо набошад.

**4,14** Наҷотдиҳанда нишон надодааст, ки *коранда* кӣ мебошад. Ин Худи Ӯ буда метавонист ё онҳое ки чун намояндагони Ӯ мавъиза мекунанд. Ӯ гуфт, ки тухм *Калом* аст.

**4,15-20** Намудҳои гуногуни хок дилҳои одамон ва онро ифода мекунанд, ки онҳо чӣ гуна Каломро қабул мекунанд, ба тартиби зерин:

Замини *канори роҳ* (ояти 15). Ин дили сахт аст. Чунин одам якравона ва бо қатъият ба Наҷотдиҳанда «не» мегӯяд. *Шайтон,* ки ба сурати парандагон нишон дода шудааст, Каломро медуздад. Мавъиза ба гунаҳкор таъсир намекунад ва музтариб намекунад. Яъне ӯ нисбати он бепарво ва беҳис аст.

*Санглох* (ояти 16-17). Чунин одам ба *Калом* рӯякӣ ҷавоб медиҳад. Шояд, ба эҳсоси пурҳарорати даъвати Мужда дода шуда, ӯ дар бораи ба Масеҳ бовар кардани худ эълон менамояд. Аммо ин танҳо розигии ақлии ӯ мебошад. Дар ӯ бахшида шудани ҳақиқӣ ба Масеҳ нест. Шахс Каломро *бо шодӣ* қабул мекунад; беҳтар мебуд, ки ӯ онро дар тавбаи амиқ ва андӯҳ қабул намояд. Шояд, корҳои ӯ то як муддат бисёр нағз пеш мераванд. Аммо баъд, вақте ки аз сабаби эътирофи ӯ *сахтӣ ё таъқибот* сар мешаванд, ӯ қарор медиҳад, ки нарх хеле бузург аст ва ҳамаро ба фаромӯшӣ медиҳад. То замоне ки масеҳият машҳур аст, ӯ дар бораи масеҳӣ будани худ эълон менамояд, аммо таъқибот беасосии вайро ошкор месозанд.

Замини дорои *хорҳо* (оятҳои 18-19). Ин одамоне мебошанд, ки ҳамчунин оғози умедбахш мегиранд. Аз рӯи ҳамаи аломатҳои зоҳирӣ онҳо имондорони ҳақиқӣ менамоянд. Аммо баъд онҳо аз пайи корчаллонӣ мешаванд, ғарқи ташвишҳои дунявӣ мегарданд, онҳоро хоҳиши сарватманд шудан фаро мегирад. Онҳо алҳол шавқу завқро ба масъалаҳои рӯҳонӣ гум мекунанд, ниҳоят, тамоман худро масеҳӣ наменоманд.

*Хоки нағз* (ояти 20). Дар ин ҷо мо қабули бечуну чарои *Каломро* мебинем, бо ҳар нархе ки бошад. Ин дар ҳақиқат одамони аз нав зодашуда мебошанд. Онҳо тобеони содиқи Подшоҳ Масеҳ мебошанд. Боварии онҳоро ба Ӯ на ҷаҳон суст карда метавонад, на ҷисм, на иблис.

Ҳатто дар байни шунавандагони чун «замини нағз» ишорашуда дараҷаҳои гуногуни боварӣ ҳастанд. *Баъзе сӣ баробар, баъзе шаст баробар, дигарон сад баробар* бор меоваранд. Дараҷаи бовариро чӣ муайян мекарда бошад? Зиндагонии самаровартарин дар одамоне мебошад, ки ба Калом дарҳол, бешубҳа ва бо шодӣ итоат мекунанд.

### Ғ. Масъулияти шунавандагон (4,21-25)

**4,21** *Шамъ* дар ин ҷо ҳақиқатҳоеро ифода мекунад, ки Худованд ба шогирдони Худ баён намуд. Ин ҳақиқатҳо на ба *зери зарфе ё кате,* балки ба ҷои кушод бояд гузошта шаванд, то ки одамон бинанд. *Зарф* рамзи корчаллонӣ буда метавонад, ки он, агар ба вай имконият дода шавад, вақтеро, ки ба кори Худованд

бахшидан лозим аст, хоҳад гирифт. *Кат* дар бораи ҳузуру ҳаловат ва танбалӣ, ду душмани муждарасонӣ, гуфта метавонад.

**4,22** Исо ба мардум бо масалҳо сухан мегуфт. Амиқии ҳақиқат аз онҳо ниҳон буд. Аммо мақсади Худо аз он иборат буд, ки шогирдон ин ҳақиқатҳои ниҳониро ба дилҳои шавқманд шарҳ диҳанд. Ояти 22 инчунин онро ифода карда метавонад, ки шогирдон доимо бояд рӯзи меомадаро дар хотир дошта бошанд, вақте маълум мегардад, ки оё иҷозат додан мумкин буд, ки корчаллонӣ ё хоҳишҳо бар шаҳодат оид ба Наҷотдиҳанда бартарӣ дошта бошанд.

**4,23** Ҷиддияти ин суханон аз панди Исо аён аст: *«Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад»*.

**4,24** Баъд Наҷотдиҳанда огоҳии ҷиддии дигареро илова намуд: *«Пайхас кунед, ки чӣ мешунавед»*. Агар ман фармонро аз Каломи Худо шунавам, аммо онро иҷро накунам, дар он сурат онро ба дигар одамон ҳам баён карда наметавонам. Таълимот танҳо ҳамон вақт қувва ва вусъат меёбад, ки одамон ҳақиқӣ будани онро дар зиндагонии мавъизагар мебинанд.

Шаҳодати имонро ба дигарон бо кадом андозае расонем, он ҳамон қадар бо фоидаи зиёд бармегардад. Одатан вақте ки муаллим ба дарс тайёрӣ мебинад, нисбат ба шогирдон бештар дарк менамояд. Мукофоти ояндаи мо нисбат ба хароҷотҳои ночизи мо боз ҳам зиёдтар мешаванд.

**4,25** Ҳар боре ки мо ҳақиқати наверо ба даст меоварем ва иҷозат медиҳем, то дар ҳаёти мо амри воқеӣ шавад, ба мо, бешубҳа, дар фаҳмиши ҳақиқат боз ҳам *бештар* дода хоҳад шуд. Аз тарафи дигар, ҳақиқатро дар зиндагӣ ба кор набурда, мо он чиро, ки пеш аз ин ба даст оварда будем, гум мекунем.

### Д. Масал дар бораи тухми сабзидаистода (4,26-29)

**4,26-29** Ин масал танҳо дар Инҷили Марқус вомехӯрад. Камаш ду маънидоди он ҳаст. *Кас,* эҳтимол, рамзи Худованд Исои Масеҳ аст, ки Ӯ дар вақти хизмати ҷамъиятии Худ ба замин *тухм* мепошад ва баъд ба осмон бармегардад. Тухм месабзад – пинҳонӣ, ноаён, ва бе мағлубият. Он аз ибтидои хурд, то вақти дарави имондорони ҳақиқӣ нашъунамо меёбад. *Ва чун ҳосил расад,* он ба анбори осмонии ғалла гирифта мешавад.

Масал, шояд, барои шогирдон чун рӯҳбаландкунӣ ҳам хизмат карда метавонист. Масъулияти онҳо – *тухм* коштан аст. Онҳо метавонанд *шабу рӯз бихобанду бархезанд,* бо дарки он ки Каломи Худо ба онҳо холӣ барнамегардад, балки он чиро, ки барои он пешакӣ муайян гардида буд, иҷро мекунад. Ба воситаи инкишофи пурасрор ва муъҷизанок, ки тамоман ба қувва ва маҳорати одамӣ вобаста нест, Калом дар дилҳои одамон амал карда, барои Худо самар меоварад. Одам мекорад ва об медиҳад, вале Худо месабзонад. Аммо бо чунин тафсир ояти 29-ро фаҳмонидан душвор аст. Танҳо Худо *досро* фиристода метавонад, хангоме ки *вақти дарав* мерасад. Аммо, мувофиқи масал, худи ҳамон одаме ки тухм мекорад, ба ҳосили пухтарасида *досро ба кор меандозад.*

### Е. Масал дар бораи донаи хардал (4,30-34)

**4,30-32** Ин масал нашъунамои *Подшоҳиро* тасвир менамояд, ки вай дар ибтидо *ба донаи хардал* монанд буд, сипас ба андозаи дарахт ё буттаи хеле калон расид, ба тавре ки *парандагони осмон* зери сояи он паноҳ бурда метавонистанд. Подшоҳ аз ақаллияти хурди таъқибшаванда сар шуд. Баъд вай бештар машҳур гашт ва аз тарафи ҳукумат ба статуси дини давлатӣ бардошта шуд. Ин нашъунамо намунавӣ, аммо носолим буд, онро аксаран одамоне намояндагӣ мекарданд, ки ба Подшоҳ бо забон хизмат мекарданд, аммо ҳақиқатан имондор набуданд.

Чӣ тавре ки Венс Ҳавнер мегӯяд:

*То замоне ки Калисо захмдор буд, вай ба пеш ҳаракат мекард. Вақте ки ӯ ба худ медалҳо пӯшид, қувваро аз даст дод. Барои Калисо он рӯзе боҳашаматтар буд, ки имондоронро чун туъма пеши шерон мепартофтанд, нисбат ба он вақте ки худи онҳо чиптаҳои якмавсима харида, дар байни тамошобинон менишастанд.*[4]

Буттаи хардал, яқинан, масеҳиятро тасвир менамояд, ки дар зери сояи он муаллимони дурӯғин ҷамъ омадаанд. Ин шакли зоҳирии Подшоҳӣ дар мавҷудияти имрӯзаи он мебошад.

**4,33-34** Ин оятҳо муқаддима ба принсипи муҳими таълимот мебошанд. Исо одамонро

таълим медод, *ба қадре ки тавоноии шунидан доштанд.* Ӯ дониши пешинаи онҳоро ба асос мегирифт ва пеш аз он ба онҳо дарси дигарро омӯзонад, барои аз худ кардани дарси пештара вақт медод. Қобилияти шунавандагонашро ба ҳисоб гирифта, Ӯ онҳоро бо пандҳо, зиёда аз он ки онҳо ҷой дода тавонанд, пур намекард (ниг. инчунин Юҳ. 16,12; 1Қур. 3,2; Ибр. 5,12). Методи баъзе мавъизагарон моро ба андешае оварданаш мумкин аст, ки гӯё Исо ба ҷои «Гӯсфандони Маро бичарон» чунин гуфтааст: «Заррофаҳои Маро бичарон»!

Ҳарчанд таълимоти Ӯ барои ҳама дар шакли масал буд, *ба шогирдони* Худ Ӯ гуфтаҳояшро дар хилват *мефаҳмонд.* Ӯ ба онҳое ки дар ҳақиқат инро мехоҳанд, равшанӣ медиҳад.

### Ё. Тундбод ва баҳр ба Хизматгор итоат мекунанд (4,35-41)

**4,35-37** *Бегоҳии ҳамон рӯз* Исо ва шогирдони Ӯ хостанд аз кӯли Ҷалил гузашта ба соҳили шарқии он равона шаванд. Онҳо ҳеҷ гуна тайёрии пешакӣ надиданд. *Ва киштиҳои дигар* аз пайи онҳо равона шуданд. Банохост *тундбоди сахте* бархест. *Мавҷҳои* азим *киштиро* бо ғарқ кардан таҳдид менамуданд.

**4,38-41** Исо *дар ақиби* киштӣ мехобид. Шогирдони навмедшуда *Ӯро бедор карданд* ва барои он сарзаниш намуданд, ки гӯё оид ба бехатарии онҳо ғамхорӣ намекарда бошад. *Ӯ бархеста, бод* ва мавҷҳоро *манъ кард.* Ва ҳамон лаҳза *оромии комил* барқарор гардид. Баъд Исо пайравони Худро барои тарсидан ва набудани имонашон сарзаниш намуд. Онҳо аз ин муъҷиза дар ҳайрат афтода буданд. Ҳарчанд онҳо медонистанд, ки Исо Кист, иқтидори Оне ки қувваҳои табиат ба Ӯ итоат мекарданд, онҳоро аз нав ба даҳшат андохт.

Ин ҳодиса моҳияти одамӣ ва илоҳии Худованд Исои Масеҳро нишон медиҳад. Ӯ дар ақиби киштӣ мехобид; дар ин ҷо табиати одамии Ӯ ҳувайдост. Ӯ фармон дод ва баҳр ором шуд; дар ин маврид илоҳияти Ӯ ба назар мерасад.

Дар ин ҷо иқтидори Ӯ бар табиат нишон дода шудааст, дар муъҷизаҳои пешина бошад мо ҳукми Ӯро бар бемориҳо ва девҳо дида будем.

Ва, ниҳоят, ин ҳодиса моро водор менамояд, ки дар ҳама тӯфонҳои зиндагӣ ба назди Исои Масеҳ оем, ва донем, ки ҳангоме Ӯ дар киштӣ аст, он ҳеҷ гоҳ ғарқ намешавад.

> *Худованд, Ту Ҳамонӣ, ки дар ақиби киштӣ мехобид,*
> *Худованд, Ту Ҳамонӣ, ки баҳри бадхашмро ром кард.*
> *Ҷаро мо аз шиддати бод ва мавҷҳои баланд парвое дошта бошем,*
> *Дар ҳоле ки мо дар киштӣ бо Ту мебошем?*
>
> Эмӣ删Кармайкл

### Ж. Шифо ёфтани девзада дар Ҷадара (5,1-20)

**5,1-5** *Сарзамини Ҷадара* дар соҳили шарқии кӯли Ҷалил воқеъ буд. Дар он ҷо Исо бо одаме вохӯрд, ки фавқулода бехуд буда, рӯҳи нопок дошт ва ҷамъиятро ба даҳшат меовард. Ҳар як кӯшиши бастани ӯ бо нобарорӣ ба охир мерасид. Ӯ дар байни *қабрҳо* ва кӯҳҳо зиндагонӣ мекард ва ҳамеша *фарёд мекашид ва худро бо сангҳо мезад.*

**5,6-13** Ҳангоме ки девзада *Исоро дид,* аввал бо эҳтиром амал намуд ва баъд талх шикоят карда сар кард. «Чӣ гуна манзараи ҳақиқӣ ва мудҳиш – одам саҷда мекунад, бо хоҳиш ва имон, ва дар айни вақт ӯ бад мебинад, густохӣ мекунад ва метарсад; дутақсимшавии шахсият: ҳам ба озодӣ муҳтоҷ аст ва ҳам азобу уқубатро дошта меистад» (аз Қайдҳои ҷамъияти Навиштаи Муқаддас).

Тартиби аниқи ҳодисаҳо равшан нест, лекин онро ба тариқи зерин ба худ тасаввур кардан мумкин аст:

1. Девзада дар назди Худованд Исои Масеҳ саҷда намуд (ояти 6).
2. Исо *ба рӯҳи нопок* фармуд, ки *аз* ин одам *берун шавад* (ояти 8).
3. Рӯҳе ки ба василаи одам гап мезад, Кӣ будани Исоро эътироф намуд, оид ба ҳуқуқи дахолат кардани Ӯ баҳсу ҷидол намуд ва қасам дода аз Исо хоҳиш менамуд, ки ӯро азоб надиҳад (ояти 7).
4. Исо аз ӯ номашро *пурсид.* Номаш – *легион* буд, ин онро ифода мекунад, ки дар ин одам девҳои зиёд ҷойгир шудаанд (ояти 9). Ин аён аст ва ба ояти 2 мухолифат намекунад, дар он гуфта шудааст, ки ӯ рӯҳи нопок дорад (дар шумораи танҳо).

5. Эҳтимол, аз номи девҳо яке аз намояндагони онҳо сухан меронд, ки ӯ иҷозати *ба галаи хукҳо* ворид шуданро илтимос мекард (оятҳои 10-12).
6. Иҷозат дода шуд, дар натиҷаи он *ду ҳазор* хук ба нишебии кӯҳ давиданд *ва дар кӯл ғарқ шуданд* (ояти 13).

Худовандро аксар барои он танқид менамоянд, ки ӯ ба нест шудани хукҳо роҳ дод. Якчанд лаҳзаҳоро зикр кардан лозим аст:

1. Ӯ сабаби нест шудани онҳо набуд; Ӯ танҳо ба ин иҷозат дод. Хукҳо бо ҳукми вайронкунандаи шайтон нест карда шуданд.
2. Дар ин ҷо ба он ишорате нест, ки айбномаро соҳибони хукҳо пешниҳод намудаанд. Эҳтимол, онҳо яҳудиёне буданд, ки хукпарварӣ карданашон номумкин буд.
3. Ҷони мард нисбат ба тамоми хукҳои ҷаҳон арзиши зиёдтаре дошт.
4. Агар мо ҳамон қадар медонистем, ки Исо медонист, пас мо айнан монанди Ӯ рафтор менамудем.

**5,14-17** Онҳое ки ҳалок шудани хукҳоро диданд, *ба шаҳр* давида рафтанд ва навигариҳоро нақл карданд. Аҳолии шаҳр омада, девзадаи пешинаро дар пеши пои Исо *нишаста* диданд, ки *либос пӯшидааст ва ақлаш солим гаштааст*. Одамон *тарсиданд*. Дар ин бора хеле дуруст гуфта шудааст: «Одамон тарсиданд, вақте ки Ӯ дар баҳр тӯфонро ором намуд ва боз тарсиданд, вақте ки тӯфон дар дили одам ором шуд». Шоҳидон ҳодисаи рӯйдодаро ба навомадагон нақл мекарданд. Барои аҳолӣ ин аз ҳад зиёд буд; онҳо аз Исо хоҳиш намуданд, то Ӯ *аз ҳудуди онҳо берун равад*. Дар ҳамаи ҳодисаи рӯйдода маҳз ҳамин боиси ҳайрат аст, на ҳалокати хукҳо. Масеҳ чун меҳмон ба онҳо хеле қимат меафтод!

Одамони бешумори зиёд ҳозир ҳам мехоҳанд, ки Масеҳ аз онҳо дуртар бошад, аз тарси он ки робита бо Ӯ боиси талафоти иҷтимоӣ, молиявӣ ва нақшаҳои шахсӣ шуда метавонад. Барои нигоҳ доштани молу мулк кӯшида, онҳо ҷонҳои худро гум мекунанд.

**5,18-20** Вақте ки Исо бо *киштӣ* рафтанӣ буд, шахси шифоёфта илтимос намуд, ки ба Ӯ ҳамроҳӣ кунад. Ин хоҳиши сазоворе буд, ки аз ҳаёти нав шаҳодат медод, аммо Исо ӯро ба сифати шоҳиди зиндаи қуввваи бузург ва меҳрубонии Худо *ба хона* фиристод. Он шахс итоат кард ва Хушхабарро ба *Декаполис* бурд – вилояте ки даҳ шаҳрро фаро мегирифт.

Ин фармони доимо амалкунанда ба ҳамаи онҳоест, ки баракати наҷотдиҳандаи Худоро дидаанд: *«Ба хона назди хешони худ рав ва хабар деҳ аз он чи Худованд бо ту кардааст ва чӣ гуна ба ту марҳамат намудааст»*. Хушхабаррасонӣ дар хона сар мешавад!

### З. Шифо додани шифонаёбандагон ва зинда кардани мурдагон (5,21-43)

**5,21-23** Ба соҳили ғарбии кӯли кабуди Ҷалил баргашта, Худованд Исо аз нав дар маркази *мардуми бисёре* афтода монд. Ба назди Ӯ падари аз ғам бехудгашта давида омад. Ин *Ёир, яке аз сардорони куниишт* буд. *Духтари* хурдакаки ӯ ба мурдан наздик буд. Оё Исо намеравад ва оё *даст бар вай намегузорад, то шифо ёбад?*

**5,24** Худованд иҷобат кард ва ба хонаи ӯ равона гашт. Аз пайи Ӯ мардуми зиёде *рафта, Ӯро фишор медоданд*. Шавқовар: дарҳол баъд аз суханон дар бораи он ки тӯда Ӯро *фишор* медод, мо дар бораи шифоёбӣ ба воситаи *даст расонидан* ба Ӯ мехонем.

**5,25-26** *Зани* навмедшуда Исоро дар роҳ ба хонаи Ёир нигоҳ дошт. Худованди мо аз барои ин монеаи зоҳирӣ ғамгин нашуд ва озурда нашуд. Мо чӣ гуна мутаассир мешавем, вақте моро нигоҳ медоранд?

*Ман фикр мекунам, ки фоидаи аз ҳама бештаринро ҳамон вақт меёбам, ки мекӯшам ҳамаи монеаҳо ва саддҳоро дар кори ба нақша гирифтаи худ чун тарбия ва озмоиши аз тарафи Худованд фиристодашавандае дида бароям, ки барои дар кори хеш худпараст нашудани ман ёрӣ медиҳанд ... Ин сарфи вақт нест, чунон ки одам ба васваса афтода, ин гуна фикр мекунад. Ин қисми зарууртарини кори ҳаминрӯза мебошад – шояд қисми беҳтарини ба Худо пешниҳодшуда (Тақвими «Хӯшаҳои баргузида»).*

Ин зан *дувоздаҳ сол* аз хунравии доимӣ азоб мекашид. *Табибони зиёд,* ки ӯ ба онҳо муроҷиат мекард, тарзҳои сахттаъсири муолиҷаро истифода мебурданд ва дороии ӯро хароб карданд, вале ӯро дар *аҳволи бадтар* гузоштанд. Ҳангоме ки аз сиҳат шудан пурра умедаш канда шуд, як кас ба ӯ дар бораи Исо

гуфт. Зан кофтукови Ӯро мавқуф нагузошт. Аз миёни тӯда гузашта, ба домани *либоси Ӯ даст расонд.* Хунравӣ ҳамон дам ист кард ва зан худро тамоман сиҳат ҳис намуд.

**5,30** Вай мехост оҳиста гурезад, вале Худованд нагузошт, ки вай баракати дар назди ҳама чун Наҷотдиҳандаи худ эътироф намудани Ӯро аз даст диҳад. Ӯ ҳис намуд, ки ҳангоме зан ба Ӯ даст расонд, аз Ӯ *қувваи* илоҳӣ берун рафт; шифо додани вай барои Ӯ қимат меафтид. Инак, Ӯ пурсид: *«Кӣ ба либоси Ман даст расонд?»* Ӯ ҷавобро медонист, вале барои он савол дод, то ки занро аз байни мардуми зиёд ба пеш даъват намояд.

**5,31** *Шогирдон* гумон карданд, ки ин саволи беақлона аст. Одамони зиёд Ӯро муттасил фишор медоданд. Чӣ лозим аст пурсидан: *«Кӣ ба Ман даст расонд?»* Аммо байни ламси ҷисмонӣ ва ламси имони ба ҳама чиз тайёр фарқ ҳаст. Ҳатто ба Ӯ хеле наздик будан ва имон наовардан мумкин аст, аммо номумкин аст, ки Ӯро бо имон ламс намоӣ ва инро Ӯ нафаҳмад ва шифо набахшад.

**5,32-33** *Зан тарсону ларзон* ба пеш баромад; вай *пеши Ӯ афтод* ва бори аввал дар назди умум Исои Масеҳро эътироф намуд.

**5,34** Баъд Ӯ барои дили вай суханони тасалло гуфт. Ошкоро Масеҳро эътироф намудан аҳамияти бузург дорад. Бе он дар зиндагонии масеҳӣ нашъунамои аҳамиятнок намешавад. Вақте ки мо бебокона ба тарафи Ӯ меистем, Ӯ дилҳои моро бо устувории пурра дар имон пур мекунад. Суханони Худованд Исои Масеҳ на танҳо шифоёбии ҷисмонии ӯро тасдиқ намуданд, балки ҳамчунин, бешубҳа, баракати бузургеро дар наҷоти ҷони ӯ дар бар мегирифтанд.

**5,35-38** Дар ин вақт фиристодагон бо чунин хабар омаданд, ки *духтари* Ёир мурд. Эҳтиёҷ ба заҳмат додани *Устод* набуд. Худованд, бо меҳрубонии Худ, Ёирро ором кард ва баъд *Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро ба хона* бурд. Онҳоро доду фарёди баланди гирякунандагон пешвоз гирифт, ки дар хонаҳои шарқиён дар вақти мусибат хос аст. Баъзеҳо навҳагаронро киро менамуданд.

**5,39-42** Вақте Исо онҳоро бовар кунонд, ки кӯдак *намурдааст,* балки хобидааст, ашкони онҳо ба тамасхур табдил ёфтанд. Ӯ нотарсона хешу табори наздикро ба пеши духтараки беҳаракат хобида бурд ва *дасти духтарро гирифта,* ба забони арамӣ *гуфт: «Эй духтар, ба ту мегӯям, бархез».* Ва *духтари* дувоздаҳсола дарҳол *бархеста, равон шуд.* Хешу таборон дар ҳайрат монданд ва, бешубҳа, аз хурсандӣ қариб бехуд шуданд.

**5,43** Худованд ба онҳо паҳн кардани хабари муъҷизаро манъ кард. Ӯ барои дар байни омма машҳур шудан рағбат надошт. Ӯ бояд бо қатъият сӯи салиб мерафт.

Агар ин духтарак дар ҳақиқат мурда бошад, пас ин боб иқтидори Исои Масеҳро бар девҳо, бемориҳо ва марг тасвир менамояд. На ҳамаи олимони Навишта бо он розианд, ки ӯ мурда буд. Исо гуфт, ки ӯ намурдааст, балки хобидааст. Эҳтимол, ӯ дар ҳолати сахти кома буд. Ӯ метавонист бо ҳамин гуна осонӣ духтаракро аз мурдагон зинда намояд, аммо агар вай фақат беҳуш мебуд, Ӯ инро ба Худ нисбат намедод.

Мо набояд суханони охирини ин бобро надида монем: *«... ва гуфт, то хӯроке ба вай диҳанд».* Дар хизмати рӯҳонӣ ин парасториро ифода мекунад. Ҷонҳое ки тапиши зиндагонии навро эҳсос намудаанд, ба ғизо эҳтиёҷ доранд. Воситае ки бо он шогирд муҳаббати худро ба Наҷотдиҳанда нишон дода метавонад, – нигоҳубини гӯсфандони Ӯ мебошад.

## И. Хизматгори дар Носира радкардашуда (6,1-6)

**6,1-3** Исо бо *шогирдонаш* ба Носира баргашт. Ин *зодгоҳи* Ӯ буд, ки Ӯ дар он ҷо дуредгар шуда кор мекард. *Рӯзи шанбе Ӯ дар куништ* таълим дод. Одамони *ҳайрон монда* ҳикмати таълимоти Ӯ ва фавқулодагии муъҷизаҳои Ӯро эътироф накарда наметавонистанд. Аммо онҳо ҳаргиз Ӯро чун Писари Худо эътироф кардан намехостанд. Онҳо дар бораи Ӯ чун дар бораи *устои хонасоз, писари Марям* фикр мекарданд, ки бародарон ва *хоҳарони* Ӯ то ҳол дар ин ҷо буданд. Агар Ӯ ба Носира чун қаҳрамони фотеҳи пуриқтидор бармегашт, онҳо Ӯро бо майли том қабул менамуданд. Аммо Ӯ хоксор ва фурӯтан баргашт. Онҳо аз ин *норозӣ буданд.*

**6,4-6** Маҳз ҳамон вақт *Исо* пай бурд, ки ба *пайғамбар* одатан дур аз хона пазироии хуб мекунанд. Хешовандон ва дӯстонаш ба Ӯ хеле наздик буданд, то ки Шахсият ё хизмати Ӯро

қадр намоянд. «Барои хизмат ба Худованд аз хона душвортар ҷое нест». Худи носириён одамони беэътибор буданд. Муносибати халқ ба онҳо чунин буд: «Оё аз Носира ягон чизи хуб омада метавонад?» Ва ба ҳар ҳол ин одамони барои ҷамъият беэътибор ба Худованд Исои Масеҳ мағрурона менигаристанд. Чӣ гуна манзараи фахр ва нобоварии дили одам! Маҳз нобоварӣ ба кори Наҷотдиҳанда дар Носира мамониат мекард. Ӯ танҳо *чанд бemореро* шифо дод ва ин тамоми он чиз буд, ки Ӯ дар он ҷо карда метавонист. Нобоварии одамон Ӯро дар ҳайрат монond. Ҷ. Г. Миллер огоҳ мекунад:

*Оқибати чунин нобоварӣ бадиро меафзояд. Он роҳҳои баракат ва меҳрубониро мебандад ва танҳо ҷараёни хурде метавонад ба ҷони дар муҳтоҷӣ азоб кашидаистодаи одам роҳ ёбад.*[5]

Исо аз нав мазаи танҳоиро чашид; Ӯро нафаҳмиданд ва писанд накарданд. Аксари пайравони Ӯ ин андӯҳи Ӯро бо ҳам дидаанд. Хизматгорони Худованд зуд-зуд дар либоси назарногир ва хоксорона зоҳир мешаванд. Оё мо метавонем дуртар аз намуди зоҳирӣ бинем ва арзиши рӯҳонии ҳақиқиро шиносем? Худованд аз сабаби рад шудани Худ дар Носира мардонагиро гум накарда, Каломро *дар деҳоти атроф гашта, таълим медод.*

## Й. Хизматгор шогирдони Худро мефиристад (6,7-13)

**6,7** Вақти раҳсипор шудани *дувоздаҳ* нафар фаро расид. Онҳо дар мактаби беамсоли Наҷотдиҳанда буданд; акнун бошад онҳо мебоист чун расонандагони хабари пурҷалол ба пеш мерафтанд. Исо онҳоро *ҷуфт-ҷуфт* фиристод. Ба ҳамин тариқ мавъиза бо забони ду шоҳид тасдиқ карда мешуд. Ин ҳамчунин дар сафари якҷоя қувва ва ёрии ҳамдигариро медод. Ва, ниҳоят, ҳузури ду нафар дар шароити аҳволи пасти ахлоқӣ фоидаовар буда метавонист. Баъдтар Ӯ *ба онҳо бар рӯҳҳои нопок қудрат дод.* Ба ин диққат додан меарзад. Берун кардани девҳо кори бузургест; танҳо Худо ба одамон чунин қудратро ато карда метавонад.

Агар Подшоҳии Худованди мо аз ин ҷаҳон мебуд, Ӯ ҳеҷ гоҳ пандҳоеро, ки дар оятҳои 8-11 мехонем, баён намекард. Онҳо тамоман мухолифи нишондодҳое мебошанд, ки роҳбари одии заминӣ медод. Шогирдон ба меҳнат бе захира бояд мебаромаданд – *бе тӯрба, бе нон, бе пуле дар миёнбанд.* Дар дастрас намудани ҳама чизи зарурӣ онҳо мебоист ба Худованд бовар мекарданд.

Ӯ ба онҳо иҷозат дод пойафзол ва *асо* гиранд, эҳтимол, барои муҳофизат аз ҳайвонот, ва танҳо як қабат либос. Мутлақо, ҳеҷ кас ба моликияти шогирдон ҳасад бурда наметавонист ва бо имконияти сарватманд шудан ба масеҳият ҷалб карда намешуд! Ва ҳар гуна қудрате ки шогирдон хоҳанд дошт, бояд аз Худо бараояд; онҳо худро пурра ба Ӯ вогузор намуданд. Аҳволи моддии онҳо дар вақти сафар хеле фақирона буд, аммо онҳо Писари Худоро намояндагӣ мекарданд ва қудрати Ӯро соҳиб буданд.

Онҳо бояд дар он ҷое ки онҳоро хуш қабул мекарданд, меҳмон мешуданд, ва то аз он ҷо рафтан бояд дар он хона мемонданд. Мувофиқи ин насиҳат, мумкин набуд, ки онҳо, вақтро сарф карда, манзили бароҳаттаре ҷустуҷӯ кунанд. Вазифаи онҳо аз эълони хабар дар бораи Касе иборат буд, ки на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, ва худпараст набуд. Онҳо мавъизаро бо ҷустуҷӯи шукӯҳ, ҳузуру ҳаловат ва зиндагии сабук намебоист бадном мекарданд.

Агар дар ягон ҷо шогирдонро ва суханони онҳоро рад мекарданд, пас онҳо намебоист дар он ҷо мемонданд. Чунин кардан дар назди хукҳо партофтани марворидро ифода мекард. Аз он ҷо берун рафта, шогирдон бояд *чанги пойҳои* худро меафшонданд – рамзи он ки Худо онҳоеро, ки Писари дӯстдоштаи Ӯро рад мекунанд, рад менамояд.

Ҳарчанд баъзе нишондодҳо хусусияти муваққатӣ доштанд ва баъдтар аз тарафи Худованд Исои Масеҳ бекор карда шуданд (Луқ. 22,35.36), ба ҳар ҳол барои хизматгори Масеҳ дар онҳо принсипҳои нагузаранда барои ҳамаи замонҳо таҷассум гардидаанд.

**6,12-13** *Шогирдон* равона шуда, *тавбаро* мавъиза менамуданд, бисёр девҳоро берун карданд, бисёр беморонро равған молида шифо доданд. Равған молидан, ба назари мо, амали рамзӣ буд, ки қувваи тасаллобахш ва сабуккунандаи Рӯҳулқудсро тасвир менамояд.

### Й. Саромади Хизматгор қатл карда шуд (6,14-29)

**6,14-16** Чун хабари дар кишвар гаштани муъҷизаофаре ба *подшоҳ Ҳиродус* расид, ӯ дарҳол ба хулоса омад, ки *Яҳёи Таъмиддиҳанда аз мурдагон бархестааст.* Баъзеҳо мегуфтанд, ки ин *Илёс* ё *яке аз пайғамбарон аст,* аммо Ҳиродус муътақид буд, ки шахсе ки ӯ *сарашро аз тан ҷудо кард,* аз мурдагон бархестааст. Яҳёи Таъмиддиҳанда овози Худо буд. Ҳиродус ин овозро ба хомӯш шудан маҷбур сохт. Акнун азобҳои даҳшатноки виҷдон барои кори кардааш ӯро таъқиб менамуданд. Ӯ мефаҳмид, ки роҳи гунаҳкор чӣ гуна душвор аст.

**6,17-20** Дар ин ҷо ҳикоят ба замони қатли Яҳё бармегардад. Яҳёи Таъмиддиҳанда Ҳиродусро барои он фош мекард, ки ӯ *бо зани бародараш Филиппус* ба никоҳи ғайриқонунӣ даромада буд. Ҳиродия, зани Ҳиродус, хашмгин шуд ва қасам ёд кард, ки қасос мегирад. Аммо Ҳиродус Яҳёро ҳурмат мекард, ва *марди росткору муқаддас* будани ӯро донистa, ба кӯшишҳои Ҳиродия мамониат менамуд.

**6,21-25** Ниҳоят барои Ҳиродия имконият пайдо шуд. Дар вақти базми *зодрӯзи* Ҳиродус, ки дар он ҳамаи номдорони маҳаллӣ буданд, Ҳиродия чунин кард, ки *духтари* вай мерақсид. Вай *ба Ҳиродус* чунон писанд омад, ки ӯ на зиёд ва на кам, *нисфи қаламрави* худро медиҳам гуфта ба духтар ваъда дод. Бо маслиҳати модар вай *сари Яҳёи Таъмиддиҳандаро дар табақ* талаб намуд.

**6,26-28** *Подшоҳ* ба дом афтод. Бар хилофи хоҳиши худ ва ақли солим, ӯ хоҳишро иҷро намуд. Гуноҳ дар атрофи ӯ дом андохт ва подшоҳи мутеъ қурбонии зани бад ва рақси пурэҳсос гардид.

**6,29** Вақте *шогирдони* содиқи Яҳё дар бораи ин ҳодиса *шуниданд,* онҳо ҷасади ӯро гирифтанд ва *онро ба қабр* гузоштанд ва баъд рафта дар ин бора ба Исо нақл карданд.

### К. Сер кардани панҷ ҳазор нафар (6,30-44)

**6,30** Ин муъҷиза дар ҳамаи чаҳор Инҷил тасвир карда шудааст. Он дар ибтидои соли сеюми хизмати ҷамъиятии Исо рӯй дод. Расулон айнан ҳамин вақт аз супориши хушхабаррасонии аввалини худ ба Кафарнаҳум баргаштанд (ниг. оятҳои 7-13). Шояд, онҳо аз муваффақият рӯҳбаланд шуда буданд, ё шояд монда шуданд ва пойҳояшонро озурда карданд. Ба осоиш ва оромӣ эҳтиёҷ доштани онҳоро дарк намуда, Худованд онҳоро дар киштӣ ба ҷои хилват дар соҳили кӯли Ҷалил гирифта бурд.

**6,31-32** Мо аксаран мешунавем, ки масеҳиён бо суханони *«шумо ба танҳоӣ ба ягон ҷои хилват оед ва каме истироҳат кунед»* гузаронидани рухсатии бокарруфарро сафед мекунанд. Келлӣ навиштааст:

*Барои мо хушӣ мебуд, агар мо ба чунин рухсатӣ эҳтиёҷ медоштем, то зиёдтар истироҳат кунем; яъне агар меҳнатҳои мо он қадар фаровон мебуд, фидокории мо баҳри баракат ба дигарон чунон доимӣ мебуд, то боварӣ дошта бошем, ки ин суханони Худованд ба мо ҳам дахл доранд.*[6]

**6,33-34** Мардуми зиёд аз пайи Худованд ва шогирдони Ӯ лаб-лаби соҳили кӯл равона шуданд. *Исо* ба мардум *раҳмаш омад*. Онҳо бе раҳнамои рӯҳонӣ, гурусна ва бепушту паноҳ сарсону саргардон мегаштанд. *Ва Ӯ онҳоро таълим додан гирифт.*

**6,35-36** Рӯзи дароз *шогирдони* Исоро монда кард, ва онҳо оид ба одамон безобита шуданро сар карданд – онҳо ин қадар бисёранд ва *ҳеҷ хӯроке* нест. Онҳо мехостанд, ки Худованд одамонро иҷозати рафтан диҳад. Худи ҳамон одамон дар Наҷотдиҳанда ҳисси раҳм ва дар шогирдон ҳисси озурдагӣ ба вуҷуд оварданд. Мо одамони атрофамонро чӣ гуна қабул менамоем: чун шилқинон ё чун ба муҳаббати мо эҳтиёҷ доштагон?

**6,37-38** Исо ба тарафи шогирдон нигоҳ карда гуфт: *«Шумо ба онҳо хӯрок диҳед»*. Шароит бемаънӣ менамуд: панҷ ҳазор мард, ба иловаи он занон ва кӯдакон ва ҳеҷ чиз, ба ғайр аз панҷ нон, ду моҳӣ – ва Худо.

**6,39-44** Ба шарофати муъҷиза шогирдон диданд, ки чӣ гуна Наҷотдиҳанда Худро медиҳад, то барои ҷаҳоне ки гуруснагӣ мекашад, нони ҳаёт бошад. Ҷисми Ӯ шикаста хоҳад шуд, то ки дигарон ҳаёти ҷовидониро ба даст оварда тавонанд. Ва дар ҳақиқат, гуфтаҳои Ӯ Шоми Худовандро ба хотир меоваранд, ки ба хотираи марги Ӯ ба ҷо оварда мешавад: *Ӯ гирифт, Ӯ баракат дод, Ӯ пора кард, Ӯ тақсим кард.*

Шогирдон низ дарси бебаҳои хизмат ба Ӯро гирифтанд:

1. Шогирдони Худованд Исо ҳеҷ гоҳ набояд шубҳа кунанд, ки Ӯ қудрат дорад ҳамаи эҳтиёҷоти моро қонеъ намояд. Агар Ӯ *панҷ ҳазор мардро бо панҷ нон ва ду моҳӣ* сер карда тавонад, пас дар ҳар гуна вазъият Ӯ ҳама чизи заруриро барои онҳое ки ба Ӯ бо имон хизмат мекунанд, ба назар хоҳад гирифт. Онҳо дар бораи ризқу рӯзӣ фикр накарда, барои Ӯ меҳнат карда метавонанд. Агар онҳо пеш аз ҳама Подшоҳии Худо ва росткории Ӯро ҷӯянд, тамоми эҳтиёҷоти онҳо қонеъ карда хоҳанд шуд.
2. Ба ҷаҳони нобудшудаистода чӣ тариқ мужда диҳем? Исо гуфт: *«Шумо ба онҳо хӯрок диҳед»*. Агар мо ҳама дороии худро ба Ӯ диҳем, он ҳар қадар ночиз намояд ҳам, Ӯ онро ба баракат барои бисёриҳо табдил дода метавонад.
3. Ӯ ин корро бо тартиб, одамонро *саднафарӣ ва панҷоҳнафарӣ* ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, кард.
4. Ӯ нонҳоро ва моҳиро *баракат дод* ва *пора кард*. Бе баракат додан онҳо ҳеҷ гуна фоида намеоварданд. Бе шикастан онҳо камӣ мекарданд. «Сабаби ба дигарон на он қадар хуб хизмат кардани мо аз он иборат аст, ки мо ҳанӯз на он қадар шикасташаванда мебошем».
5. На худи Исо хӯрокро тақсим мекард. Ӯ кардани инро *ба шогирдони* Худ иҷозат дод. Нақшаи Ӯ аз он иборат аст, ки ҷаҳонро ба василаи одамони Худ сер кунад.
6. Хӯрок ба *ҳама* расид. Агар ҳамаи имондорон дар рӯзҳои мо тамоми чизи аз эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи худ зиёдатиро барои кори Худованд гузоранд, аллакай ҳамин насли одамон дар тамоми ҷаҳон Хушхабарро шунида метавонанд.
7. Хӯроки боқимонда *(дувоздаҳ сабади пур)* нисбат ба он хӯроке ки Ӯ бо он сар карда буд, хеле зиёдтар буд. Худо Диҳандаи босаховати зиндагӣ мебошад. Аммо таваҷҷуҳ намоед: ҳеҷ чиз зоеъ нашуда буд. Зиёдатиҳоро ҷамъ карданд. Исрофи беҳуда гуноҳ аст.
8. Яке аз бузургтарин муъҷизот рӯй намедод, агар шогирдон ба хоҳиши истироҳат намудани худ истодагарӣ мекарданд. Чӣ гуна бисёр ин бо мо рӯй медиҳад!

## Қ. Исо дар баҳр қадам мезанад (6,45-52)

**6,45-50** Наҷотдиҳанда на танҳо дар бораи воситаҳои рӯзгузаронӣ барои хизматгорони Худ, балки дар бораи бехатарии онҳо низ ғамхорӣ карда метавонад. Шогирдонро ба ақиб, ба соҳили ғарбии кӯл, *бо киштӣ* фиристода, Исо *барои дуо гуфтан ба кӯҳе* баромад. Аз миёни торикии шаб Ӯ дид, ки шогирдон базӯр муқобили *бод* киштӣ меронанд. Ӯ, *бар кӯл қадам зада,* барои ёрӣ додан ба онҳо шитофт. Дар аввал онҳо хеле тарсиданд, гумон карданд, ки *ин шабаҳ аст*. Он гоҳ Ӯ бо онҳо гап зада сар кард ва ба киштӣ даромад. *Бод* дарҳол *ором шуд*.

**6,51-52** Ҳикоят бо суханони зерин ба охир мерасад: *«Ва онҳо хеле ҳайрон шуданд ва тааҷҷуб карданд. Зеро муъҷизаи нонро дарк накарда буданд, чунки дилашон сахт буд»*. Дар ин ҷо оид ба он гуфта шудааст, ки ҳатто нишонаи иқтидори Худовандро ҳангоми муъҷиза бо нонҳо дида, онҳо ба ҳар ҳол намефаҳмиданд, ки барои Исо ҳеҷ чизи ғайриимкон нест. Онҳо, қадам задани Ӯро дар баҳр дида, набояд ҳайрон мешуданд. Ин муъҷиза нисбат ба он чи онҳо пештар шоҳидаш гардида буданд, зиёдтар набуд. Камии имон ва сахт шудани дилҳои онҳо оварда расонд ва дарки рӯҳонии онҳо суст шуд.

Калисо дар ин муъҷиза тасвири замони ҳозира ва ба охир расидани онро мебинад. Исо дар болои кӯҳ рамзи хизмати имрӯзаи шафоатгаронаи Масеҳ дар осмонҳо мебошад. Шогирдон таҷассуми хизматчиёни Ӯ мебошанд, ки бо тӯфон ва санҷишҳои зиндагӣ мубориза мебаранд. Ба зудӣ Наҷотдиҳанда ба пеши наздикони Худ бармегардад, онҳоро аз хатар ва уқубатҳо халос мекунад ва бо роҳи боэътимод ба соҳили осмонҳо мебарад.

## Л. Хизматгор дар назди баҳри Ҷинесор шифо медиҳад (6,53-56)

**6,53-56** Чун Худованд ба соҳили ғарбии баҳр баргашт, Ӯро одамони *бемор* иҳота карданд. *Ба ҳар ҷо* ки Ӯ меомад, одамон ба назди Ӯ муҳтоҷони ёриро бар тахтаҳо гузошта меоварданд. Майдонҳои бозор ба беморхонаҳои ногаҳонӣ тайёр кардашуда табдил меёфтанд. Одамон мехостанд ба қадри кофӣ ба Ӯ наздик оянд, то ақаллан *домани либоси Ӯ даст расонанд. Ҳар кӣ даст расонд, шифо ёфт.*

## M. Анъанаҳо бар зидди Каломи Худо (7,1-23)

**7,1** *Фарисиён ва китобдонон* сарварони дини яҳудӣ буданд, ки системаи калону вазнини анъанаҳои қатъӣ риояшавандаро ба вуҷуд оварда, то дараҷае бо суханони Худо даромехтанд, ки онҳо қариб чун Навишта эътибор пайдо мекарданд. Вале дар асл дар баъзе мавридҳо ин анъанаҳо ба Навишта мухолифат мекарданд ё қонунҳои Худоро суст мекарданд. Сарварони динӣ бо камоли хушнудӣ қоидаҳоро бо зӯрӣ бор мекарданд ва одамон аз системаи расму русуми аз ҳақиқати рӯҳонӣ дур қаноатманд шуда, хоксорона онҳоро қабул мекарданд.

**7,2-4** Дар ин ҷои Навишта мо фарисиён ва китобдононро вомехӯрем, ки Исоро барои он ки *шогирдони Ӯ* бо *дастони ношуста* мехӯрданд, танқид мекарданд. Ин маънои онро надошт, ки шогирдон пеш аз он ки хӯрок хӯрданро сар кунанд, дастонашонро нашустанд, балки онҳо расму русуми дақиқ коркардашударо ба ҷо наоварданд, ки аз тарафи анъана муқаррар шуда буд. Масалан, одам то даме ки дастонашро то оринҷ нашуста бошад, аз рӯи оин *нопок* ҳисоб меёфт. Агар онҳо ба ҷойҳои серодам рафта оянд, бояд таҳорати маросимиро ба ҷо меоварданд. Ин системаи мураккаби таҳорат ҳатто таҳорати дегҳо ва пиёлаҳоро дар бар мегирифт. Дар бораи фарисиён Е. Стенлӣ Ҷоунс менависад:

*Онҳо аз Уршалим тамоми роҳи дуру дарозро анҷом доданд, то бо Исо вохӯранд, аммо муносибати онҳо ба зиндагӣ ба дараҷае манфӣ ва хурдагирона буд, ки ҳамаи он чи онҳо диданд, дастҳои ношуста буданд. Онҳо мавҷи бузургтарини тавбаро, ки ягон вақт дар сайёра рух дода буд, дида наметавонистанд, – мавҷҳои поккунандаи рӯҳу ҷон ва ҷисми одамонро. Онҳо бо чашмони калон кушода ба чизҳои камаҳамият ва ғайримуҳим нигоҳ мекарданд ва чизи асосиро намедиданд. Таърих онҳоро дар хотир надорад; фикрҳои манфии онҳо танҳо чун замина барои таъсири мусбати Масеҳ ба ёд оварда мешавад. Баъд аз худ онҳо танқидкунандагиро гузоштанд – Ӯ тавбаи рӯҳониро гузошт. Онҳо ҷойҳои заиф ва хатоҳоро ҷамъ меоварданд – Ӯ пайравонро ҷамъ мекард.*[7]

**7,5-8** Исо дарҳол ба дурӯягии ин одамон ишорат намуд. Онҳо чунон рафтор мекарданд, ки *Ишаъё* пешакӣ огоҳонида буд. Онҳо иддао мекарданд, ки ба Худованд бахшида шудаанд, аммо дар дохил вайроншуда буданд. Ба анъанаҳо ҷиддӣ пайравӣ намуда, онҳо вонамуд мекарданд, ки Худоро ҳурмат мекунанд, лекин таълимоти Навиштаи Муқаддасро бо расму русуми худ иваз карданд. Ба ҷои он ки дар корҳои имон ва ахлоқ Каломи Худоро раҳнамои ягонаи рӯҳонӣ эътироф намоянд, онҳо аз талаботҳои аниқи Навиштаҷот рӯ тофта дар *анъанаҳои* худ узр меҷустанд.

**7,9-10** Исо намунаи онро овард, ки чӣ тавр ривоятҳо шариати *Худоро* бекор мекунанд. Яке аз Даҳ Фармуда талаб мекард, то фарзандон падару модари худро *эҳтиром намоянд* (ки он ғамхорӣ дар бораи муҳтоҷии онҳоро ҳам дар бар мегирифт). Ҳар касе, ки *падару модари* худро дашном медод, бо марг ҷазо медид.

**7,11-13** Аммо яҳудиён анъанаеро ҷорӣ намуданд, ки чун *Қурбон* маълум буда, «додашуда» ё «бахшидашуда»-ро ифода мекунад. Фарз кунем, ки падару модар дар оилаи яҳудӣ муҳтоҷиро аз сар мегузаронанд. Писари онҳо пул дошт, ки барои таъмин кардани онҳо имкон медод, аммо ӯ инро кардан намехост. Он чи аз ӯ талаб карда мешуд, гуфтани «қурбон» буд, бо назардошти он ки пулҳои ӯ *ба Худо* ё барои парастишгоҳ таъйин шудаанд. Ин ӯро аз ҳар гуна ёрии баъдина ба падару модари худ ва ҷавобгарӣ барои онҳо озод мекард. Ӯ метавонист миқдори номаҳдуди пулро ба худ монад ва онро барои мақсадҳои худ истифода барад. Муҳим набуд, ки оё вай ин пулҳоро ягон вақт барои эҳтиёҷоти парастишгоҳ сарф мекунад ё не. Келлӣ зикр мекунад:

*Сарварон қолибе фикр карда бароварданд, ки моликияти барои мақсадҳои динӣ муқарраршударо муҳофизат кард ва виҷдони одамонро аз азоб оид ба фармонҳои Каломи Худо ором намуд ... Маҳз Худо одамро ба эҳтиром намудани падару модар даъват менамуд ва Ӯ ҳар гуна беҳурматиро нисбати онҳо маҳкум мекард. Аммо одамоне ёфт шуданд, ки худро бо дин рӯпӯш намуда, ҳар ду фармони Худоро риоя намекарданд! Худо ба ин калимаи анъанавии «қурбон» на танҳо чун ба рафтори нодуруст нисбати падару модар, балки чун саркашӣ аз фармонҳои Худо муносибат менамояд.*[8]

**7,14-16** Аз ояти 14 сар карда Худованд изҳороти инқилобӣ мекунад, ки одамро на он чи ба даҳони ӯ медарояд, ҳаром мекунад (масалан, хӯроке ки бо дастони ношуста хӯрдаанд), балки ҳамаи он чи аз одам мебарояд (масалан, анъанаҳое ки Каломи Худоро рад мекунанд).

**7,17-19** Ин изҳорот ҳатто *шогирдонро* ҳайрон намуд. Дар таълимоти Аҳди Қадим тарбия ёфта, онҳо ҳамеша гумон мекарданд, ки намудҳои муайяни хӯрок, масалан, гӯшти хук, харгӯш ва харчанг нопоканд ва метавонанд онҳоро нопок (ҳаром) гардонанд. Акнун бошад Исо рӯйрост арз кард, ки одам аз чизи ба ӯ медаромада нопок намешавад. То дараҷаи маълум ин охири давраи шариатро ифода мекард.

**7,20-23** Одамро он чизҳое ки аз ӯ *берун меоянд,* нопок мегардонанд: *фикрҳои бад, зино, фосиқӣ, куштор, дуздӣ, тамаъ, кина, макр, чашмгуруснагӣ, ҳасад, куфр, ғурур ва аҳмақӣ.* Аз қаринаи матн аён аст, ки анъанаҳои одамонро ҳам бояд ба ин рӯйхат медароварданд. Анъанаи «қурбон» ба қатл баробарқувва буд. То даме ки ин савганди бадахлоқона нест карда нашавад, волидон ба гуруснагӣ маҳкум шуда буданд.

Яке аз бузургтарин дарси ибрат, ки аз ин порча гирифта шудааст, чунин аст: Ҳамаи таълимот ва анъанаҳоро бо Каломи Худо муқоиса намуда, мо бояд ба ҳама чизе ки аз Худост, итоат намоем ва ҳама чизи одамиро инкор намоем. Дар аввал одам метавонад ҳақиқатҳои поки рӯҳониро таълим диҳад ва мавъиза намояд, то одамони ба Навишта боваркунанда ӯро қабул намоянд. Ба ин ноил гардида, ӯ ба илова намудани таълимоти одамӣ сар мекунад. Пайравони ба ӯ содиқ, ки вайро бехато меҳисобанд, аз пояш кӯр-кӯрона мераванд, бо вуҷуди он ки таълимоти ӯ тезии Каломро суст мекунад ё маънои сареҳи онро хира мекунад.

Инак, китобдонон ва фарисиён ба худ обрӯву эътибори муаллимони Каломро ба даст оварданд. Аммо алҳол онҳо мақсади Каломро ба нестӣ мебурданд. Худованд Исо мебоист халқро дар бораи он хабардор мекард, ки Каломи Худо одамонро роҳбарӣ мекунад, на ин ки одамон Каломро. Барои мо меъёри асосии ҳақиқат бояд ин қоида бошад: «Дар ин бора Каломи Худо чӣ мегӯяд?»

### Н. Зани ғайрияҳудӣ аз рӯи имон баракат ба даст овард (7,24-30)

**7,24-25** Исо дар оятҳои пешина нишон дод, ки ҳар гуна хӯрок пок аст. Дар ин ҷо Ӯ нишон медиҳад, ки минбаъд ғайрияҳудиёнро паст ё нопок шумуридан лозим нест. Исо ба шимоли ғарбӣ, ба *ҳудуди Сур ва Сидӯн* равона гардид, маҳалле ки бо номи Финиқияи Сурия низ машҳур аст. Ӯ мекӯшид худро шинос накарда, *ба хонае* дарояд. Аммо шуҳрати Ӯ пеш аз Ӯ мерафт ва дар бораи ҳузури Ӯ дарҳол маълум гашт. Ба назди Ӯ *зани* ғайрияҳудӣ омада, хоҳиш намуд, то ба *духтари* рӯҳи нопок доштааш ёрӣ диҳад.

**7,26** Мо он далелро зикр менамоем, ки ин зан на яҳудӣ, балки *юнонӣ* буд. Яҳудиён, халқи аз тарафи Худо интихобшуда, дар назди Худо мавқеи махсус, имтиёзнокро ишғол менамуданд. Ӯ бо онҳо паймонҳои аҷоиб баст, ба ихтиёри онҳо Навиштаро супурд ва бо онҳо дар хаймаи ҷомеъ ва баъд дар парастишгоҳ мезист. Бар хилофи ин, ғайрияҳудиён аз ҷамоати Исроил ҷудо буда, нисбат ба паймонҳои ваъда бегона, бе Масеҳ, бе умед ва бе Худо дар ҷаҳон буданд (Эфс. 2,11.12). Худованд Исо пеш аз ҳама ба назди халқи Исроил омад. Ӯ Худро чун Подшоҳи ин халқ муаррифӣ намуд. Мужда аввал ба хонаи Исроил мавъиза карда шуда буд. Барои фаҳмидани сӯҳбати Ӯ бо *зан аз Финиқияи Сурия* ҳамаи инро дар хотир доштан муҳим аст. Ҳангоме вай *аз Ӯ илтимос намуд, ки девро аз духтараш берун кунад,* Ӯ, аз афташ, бо қатъият рад намуд.

**7,27** *Исо гуфт,* ки *аввал* бояд *бачагон сер шаванд* (исроилиҳо), ва *нони бачагонро гирифта пеши сагон* (ғайрияҳудиён) *партофтан хуб нест.* Ҷавоби Ӯ рад кардан набуд. Ӯ гуфт: *«Бигзор аввал бачагон сер шаванд».* Ин суханон дурушт намуданашон мумкин буд. Дар асл онҳо чун санҷиши тавба ва имони ӯ хизмат мекарданд. Хизмати Исо дар ин вақт пеш аз ҳама ба яҳудиён равона шуда буд. Ҳамчун ғайрияҳудӣ, ин зан ба Ӯ ё ба некии Ӯ даъво дошта наметавонист. Оё вай ин ҳақиқатро фаҳмида метавонист?

**7,28** Бале, ӯ фаҳмид! Ва ӯ онро чунин гуфта эътироф намуд: *«Ҳа, Хоҷаам.* Ман ҳамагӣ сагча-ғайрияҳудӣ ҳастам. Вале ман пай бурдам, ки ҳатто сагҳо *нонрезаҳои* бачагонро *зери миз* мехӯранд. Ман танҳо ҳаминро хоҳиш

менамоям – резаҳои боқимондаро аз хизмати Ту ба яҳудиён!»

**7,29-30** Ин имони аҷиб аст. Худованд аз масофаи дур духтарро шифо бахшида, ҳамон соат ин занро мукофотонид. Ҳангоме ки вай ба хона омад, *духтараш* комилан сиҳат буд.

## О. Шифо ёфтани шахсе ки гӯшаш кард буд ва бо душворӣ гап мезад (7,31-37)

**7,31-32** Худованди мо аз соҳили баҳри Миёназамин ба соҳили шарқии *кӯли Ҷалил* – ба вилояте ки бо номи *Декаполис* машҳур буд, баргашт. Дар ин ҷо ҳодисаи танҳо дар Инҷили Марқус навишташуда рӯй дод. Дӯстони ғамхор *назди Ӯ кареро овարданд, ки бо душворӣ гап мезад.* Шояд, *бо душворӣ гап задан* аз боиси иллати ҷисмонӣ ба вуҷуд омада буд, ё садоҳои аниқро ҳеҷ гоҳ нашунида, ӯ онҳоро дуруст такрор карда наметавонист. Ба ҳар ҳол, дар ин ҷо тасвири гунаҳкоре дода шудааст, ки овози Худоро намешунавад ва аз ҳамин сабаб ба дигарон дар бораи Ӯ нақл карда наметавонад.

**7,33-34** Аввал Исо он одамро *ба хилват бурд. Ӯ ангушти Худро дар гӯшҳои вай ниҳод ва туф карда, ба забонаш расид,* бо ҳамин бо забони имову ишора ба он одам гуфт, ки мехоҳад гӯшҳои ӯро воз намояд ва забонашро гӯё гардонад. Баъд Исо чун ишорат ба он ки қудрати Ӯ аз Худост, ба боло *ба осмон* нигарист. Бо оҳ кашидани Худ ӯ ба азобҳое ки гуноҳ инсониятро ба онҳо кашид, ҳамдардии самимона изҳор намуд. Ва, ниҳоят, Ӯ *«ифатаҳ»* гуфт, калимаи арамӣ, ки *«воз шав»-ро* ифода мекунад.

**7,35-36** Дарҳол гӯшҳои одам шунаво ва забонаш гӯё гардид. Худованд овоза накардани ин муъҷизаро аз одамон хоҳиш намуд, аммо онҳо ба нишондодҳои Ӯ гӯш наандохтанд. Ниятҳои одам ҳар қадар хуб бошанд ҳам, беитоатӣ ҳеҷ гоҳ сафед карда намешавад.

**7,37** Ҳозирон ба корҳои муъҷизаноки ӯ *ҳайрон мемонданд.* Онҳо мегуфтанд: *«Ҳар корро нағз мекунад: карҳоро шунаво ва гунгҳоро гӯё мегардонад».* Онҳо ҳақиқатеро, ки дар бораш мегуфтанд, намедонистанд. Агар онҳо дар ин тарафи Ҷолҷолто зиндагонӣ мекарданд, он гоҳ суханони онҳо бо ҳисси амиқтар ва боварии боз ҳам бештаре пур мешуд.

*Аз он даме ки дилҳои мо оид ба муҳаббати Ӯ фаҳмиданд,*
*Ки Ӯ ба мо чӣ гуна меҳрубонӣ зоҳир намуд,*
*Меҳрубоние ки болотар аз ҳама ситоишҳои мост;*
*Исои мо ҳама корро хуб ба ҷо оварd.*

Семюэл Медлӣ

| ПАНҶ ҲАЗОР НАФАР | ЧОР ҲАЗОР НАФАР |
|---|---|
| 1. Одамон яҳудӣ буданд (ниг. Юҳ. 6,14.15). | 1. Одамон, шояд, ғайрияҳудӣ буданд (онҳо дар Декаполис мезистанд). |
| 2. Мардум бо Исо як рӯз ҳамроҳ буданд (6,35). | 2. Ин мардум бо Исо се рӯз ҳамроҳ буданд (8,2). |
| 3. Исо панҷ нон ва ду моҳиро истифода бурд (Мат. 14,17). | 3. Ӯ ҳафт нон ва чанд моҳии майдаро кор фармуд (8,5.7). |
| 4. Панҷ ҳазор нафар мард ва инчунин занон ва кӯдакон сер шуданд (Мат. 14,21). | 4. Чаҳор ҳазор мард, ва занон ва кӯдакон низ сер шуданд (Мат. 15,38). |
| 5. Аз пораҳои боқимонда дувоздаҳ сабадро пур карданд (Мат. 14,20). | 5. Аз пораҳои боқимонда ҳафт сабадро пур карданд (8,8). |

## П. Сер шудани чаҳор ҳазор нафар (8,1-10)

**8,1-9** Ин муъҷиза ба сершавии панҷ ҳазор нафар монанд аст. Бо вуҷуди ин ба фарқҳои дар ҷадвал овардашуда таваҷҷуҳ намоед.

Ҳар қадар ки Исо барои кор масолеҳи камтар дошт, ҳамон қадар зиёдтар ба амал меовард ва ҳамон қадар зиёдтар боқӣ мемонд. Дар боби 7 мо резаҳои зери мизро, ки ба зани ғайрияҳудӣ мерасид, дида будем. Дар ин ҷо ғайрияҳудиёни хеле зиёд сер мешаванд. Эрдман шарҳ медиҳад:

*Муъҷизаи аввал дар ин ҷо онро дар назар дорад, ки барои ғайрияҳудиёни муҳтоҷ резаҳои нон аз миз афтида метавонанд. Муъҷизаи дуюм ба он ишорат карда метавонад, ки*

*Исо, аз тарафи халқи Худ рад шуда, ҷони Худро барои ҷаҳон медиҳад ва барои ҳамаи халқҳо Нони ҳаёт мегардад.*[9]

Хатари он ҳаст, ки чунин ҳодиса, ба монанди сершавии чаҳор ҳазор нафар, ҳамагӣ чун такрори камаҳамият аз назар гузаронда мешавад. Мо бояд ба омӯзиши Навиштаи Муқаддас бо боварие муносибат намоем, ки ҳар як сухани Навишта пур аз ҳақиқати рӯҳонӣ аст, ҳатто агар мо инро дар дараҷаи ҳозираи фаҳмиши худ дида натавонем ҳам.

**8,10** Аз Декаполис равона шуда, Исо ва *шогирдони* Ӯ аз кӯли Ҷалил гузаштанд ва ба соҳили ғарбӣ, ба маҳалле омаданд, ки *Далмонуто* номида мешуд (дар Мат. 15,39 Маҷдал).

## Р. Фарисиён аломати осмониро дидан мехоҳанд (8,11-13)

**8,11** *Фарисиён* Ӯро интизор буданд ва *аломати осмониро* талаб кардан гирифтанд. Ҷаҳолат ва густохии онҳо беҳад бузург буд. Дар назди онҳо Ҳамоне меистод, ки худ аломати бузургтарин буд, – Худи Худованд Исои Масеҳ. Ӯ дар ҳақиқат аломати аз осмон фаромада буд, аммо онҳо ба Ӯ баҳои сазовор надоданд. Онҳо суханони бемисли Ӯро шунида буданд, муъҷизаҳои ҳайратангези Ӯро дида буданд, бо Одами мутлақо бегуноҳ – Худои дар ҷисм зоҳиршуда – робита намуда буданд, аммо дар ҷаҳолати худ боз *аломати осмониро* талаб менамуданд!

**8,12-13** Табиист, ки Наҷотдиҳанда *аз дил оҳе кашид!* Агар ягон насл дар таърихи ҷаҳон имтиёз дошта бошад, пас ин насли яҳудиён буд, ки ин фарисиён ба он тааллуқ доштанд. Аммо онҳо дар рӯ ба рӯи шаҳодати аз ҳама равшан – омадани Масеҳ – нобино буда, муъҷизаро на дар замин, балки дар осмон талаб мекарданд. Исо ҷавоб дод: «Дигар ҳеҷ гуна аломат намешавад. Шумо имконияти худро аллакай доштед». *Ӯ боз ба киштӣ савор шуд* ва ба шарқ равона шуд.

## С. Хамиртуруши фарисиён ва Ҳиродус (8,14-21)

**8,14-15** Дар вақти сафар *шогирдон* ба ёд оварданд, ки *нон гирифтанро фаромӯш кардаанд.* Исо то ҳол оид ба вохӯрии Худ бо фарисиён андеша мекард, вақте ки онҳоро дар бораи *хамиртуруши фарисиён ва хамиртуруши Ҳиродус* огоҳонид. Дар Навиштаи Муқаддас дар ҳама ҷо хамиртуруш рамзи бадиест, ки оҳистаоҳиста ва номаълум паҳн шуда, ба ҳар чизе ки расад, таъсир мерасонад. *Хамиртуруши фарисиён* дар худ дурӯягӣ, расму русумчигӣ, худписандӣ ва таассуби кӯркӯронаро дар бар мегирифт. Фарисиён зоҳиран даъвои покии махсусро доштанд, вале дар дохил бадахлоқ ва беинсоф буданд. *Хамиртуруши Ҳиродус* дар таркиби худ шаккокӣ, бадахлоқӣ ва набудани шавқу ҳаваси рӯҳониро дошт. Ҳиродиён бо ин гуноҳҳо фарқ мекарданд.

**8,16-21** Шогирдон суханони Исоро тамоман нафаҳмиданд. Онҳо танҳо дар бораи хӯрок фикр карда метавонистанд. Он гоҳ Ӯ ба онҳо зуд нӯҳ савол дод. Дар панҷ саволи аввал Ӯ онҳоро барои зеҳни кунд маломат намуд. Чаҳор саволи охирин маломат барои он буд, ки онҳо оид ба эҳтиёҷоти худ ғам мехӯрданд, дар ҳоле ки Ӯ бо онҳо буд. Магар Ӯ *панҷ ҳазор нафарро бо панҷ* нон сер накард, ва дар баробари ин *дувоздаҳ сабад* пораҳо боқӣ монданд? Бале! Магар Ӯ *чаҳор ҳазор нафарро бо ҳафт* нон сер накард, ва дар баробари ин *ҳафт* сабад пораҳо боқӣ монданд? Бале, Ӯ инро ба амал овард. Пас чаро онҳо намефаҳманд, ки Ӯ эҳтиёҷи чанд тан шогирдонро дар киштӣ барзиёд пур карда метавонад? Магар ба онҳо аён нест, ки Офаридгор ва Парвардигори дунё дар киштӣ бо онҳост?

## Т. Шифо ёфтани кӯр дар Байт-Сайдо (8,22-26)

**8,22-26** Ин муъҷизаи танҳо аз тарафи Марқус тасвиршуда якчанд масъалаҳои аҷоибро дахл карда мегузарад. Чаро Исо он одамро *аз деҳа* берун бурд, пеш аз он ки ӯро шифо диҳад? Чаро Ӯ ин одамро танҳо бо даст расонидан шифо надод? Туф барин «восита»-и ғайриодиро истифода бурдан чӣ лозим аст? Чаро одам дарҳол комилан бино нашуд?[10] (Ин дар Инҷилҳо ягона намунаи шифоёбист, ки дар чанд марҳала ба вуқӯъ меомад.) Ва, ниҳоят, чаро Исо ба ин шахс *дар деҳа* дар хусуси муъҷиза нақл карданро манъ кард? Худованди мо Фармонраво аст ва маҷбур нест дар назди мо барои амалҳои Худ ҳисобот диҳад. Ҳама коре ки Ӯ мекард, сабаби

асосноке дошт, ҳатто агар мо онро дида натавонем ҳам. Ҳамаи ҳодисаҳои шифоёбӣ фарқ мекунанд, чунон ки ҳар як ҳодисаи тавба кардан. Баъзеҳо ҳамин ки бовар мекунанд, биниши рӯҳонии аҷоиберо ба даст меоранд. Дигарон дар аввал хира мебинанд, вале дар оянда бовари комилро ба наҷот пайдо мекунанд.

### У. Эътирофи бузурги Петрус (8,27-30)

Ду порчаи охирини ин боб моро ба нуқтаи баландтарин дар омӯзиши дувоздаҳ нафар мебарад. Ба шогирдон фаҳмиши шахсии амиқи он лозим буд, ки Исо Худаш Кист, пеш аз он ки Ӯ ба онҳо оид ба роҳи дар пеш истода нақл карда тавонад ва онҳоро даъват намояд, то ба василаи ҳаёти бахшидашавӣ ва қурбонишавӣ аз пайи Ӯ раванд. Порчаи додашуда моро ба дили шогирдӣ мебарад. Шояд, дар замони ҳозира ин соҳаи тафаккур ва таҷрибаи масеҳият беш аз ҳама сарфи назар карда мешавад.

**8,27-28** *Исо бо шогирдони Худ* дар шимоли дур хилваткада меҷуст. Дар роҳ ба *Қайсарияи Филиппус* Ӯ оид ба он ки мардум дар бораи Ӯ чӣ фикр доранд, савол дода, мавзуеро дахл карда гузашт. Умуман, мардум эътироф менамуданд, ки Ӯ одами бузург аст, ва *ба Яҳёи Таъмиддиҳанда, Илёс* ё дигар *пайғамбарон* баробар мебошад. Вале шарафи одамӣ – амалан бешарафист. Агар Исо Худо набошад, пас Ӯ фиребгар, девона ё шахсияти афсонавӣ мебошад. Варианти дигар нест.

**8,29-30** Баъд Худованд рӯйрост аз шогирдон пурсид, ки ақидаи онҳо дар бораи Ӯ чӣ гуна аст. *Петрус* дарҳол гуфт, ки Ӯ *Масеҳ,* яъне Масҳшуда аст. Петрус инро бо ақл медонист, вале дар ин лаҳза чизе дар ҳаёти ӯ рӯй дод, ки ин алҳол боварии шахсии амиқ гардид. Зиндагонӣ дигар ҳеҷ гоҳ худи ҳамин хел буда наметавонад. Петрус бо мавҷудияти ба худ нигарондашуда қонеъ шуда наметавонист. Агар Исо Масеҳ бошад, пас Петрус худро рад намуда, бояд худро пурра ба Ӯ бахшида барояш зиндагӣ кунад.

### Ӯ. Хизматгор марг ва растохези Худро пешгӯӣ менамояд (8,31-38)

То ҳамин лаҳза мо мушоҳида менамудем, ки чӣ хел зиндагии Хизматгори Яҳува дар хизмати муттасил ба дигарон мегузашт. Мо нафрати душманони Вай ва нофаҳмии дӯстонро дида будем. Мо зиндагии пур аз амал, камолоти ахлоқӣ, муҳаббати фавқулода ва хоксориро дида будем.

**8,31** Вале роҳи хизмат ба Худо ба уқубат ва марг мебарад. Бинобар ин ҳозир Наҷотдиҳанда рӯйрост ба шогирдони Худ гуфт, ки Ӯ *бояд 1) азоб кашад; 2) рад карда шавад; 3) кушта шавад; 4) бархезад (эҳё шавад).*

Барои Ӯ роҳ сӯи ҷалол ба василаи салиб ва қабр мегузашт. Ф. Ӯ. Грант инро чунин баён намуд: «Дили хизмат дар фидокорӣ зоҳир мегардад».

**8,32-33** *Петрус* бо он фикр розӣ шуда наметавонист, ки Исо бояд азоб кашад ва бимирад; ин ба тасаввуроти ӯ дар бораи Масеҳ мухолифат менамуд. Ӯ инчунин он ақидаро ба худ раво дидан намехост, ки Худованд ва Фармонравои Ӯ аз тарафи душманони Ӯ кушта мешавад. Бинобар ин ӯ Наҷотдиҳандаро барои суханонаш сарзаниш кард. Маҳз ҳамон вақт Исо ба Петрус гуфт: *«Эй шайтон, аз Ман дур шав, зеро ту на оид ба чизҳои илоҳӣ, балки оид ба чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ».* Исо асло Петрусро дар он айбдор намекард, ки ӯ шайтон аст ё ин ки шайтон ба ӯ ворид шудааст. Суханони Ӯ чунин маъно доштанд: «Ту чунон гап мезанӣ, ки гӯё шайтон гап мезада бошад. Ӯ ҳамеша мекӯшад моро аз итоати пурра ба Худо баргардонад. Ӯ моро ба васваса меандозад, то роҳи осонро ба сӯи тахт интихоб намоем». Суханони Петрус ҳам аз рӯи пайдоиш ва ҳам аз рӯи мундариҷа шайтонӣ буданд ва ин Худовандро ба ғазаб овард. Келлӣ шарҳ медиҳад:

*Чӣ ин қадар Худованди моро ба ҳаяҷон овард? Доме ки дар пеши роҳи ҳар кадоми мост: кӯшиш ба худмуҳофизакунӣ, роҳи осон ба салиброи афзал донистан. Оё ҳамин тавр нест, ки аз санҷишҳо, беобрӯӣ ва радшавӣ рӯй гардонидан ба мо хос аст; мо аз уқубатҳое ки ҳангоми дар ҷаҳони мо иҷро кардани иродаи Худо ногузиранд, дурӣ меҷӯем; мо роҳи ороми муътабари зиндагиро афзал медонем – хулоса, дар ҳар ду ҷаҳон беҳтаринашро меҷӯем? Ба ин дучор шудани одам чӣ гуна осон аст! Петрус намефаҳмид, ки чаро Масеҳ мебоист тамоми ин роҳи ҳузнро мегузашт. Мо ба ҷои ӯ аз ин бадтар мегуфтем ва фикр мекардем. Эътирози Петрус аз дилбандии самимии одамӣ пайдо шуд. Ӯ Наҷотдиҳандаро аз таҳти дил дӯст*

*медошт. Лекин ин зоҳиршавии рӯҳи дунявие буд, ки ӯ онро то ҳол дарк ва маҳкум накардааст.*[11]

Таваҷҷуҳ намоед, ки Исо аввал *ба шогирдони Худ нигоҳ кард* ва баъд *Петрусро манъ кард,* гӯё мегуфт: «Агар Ман ба салиб набароям, шогирдони Ман чӣ гуна метавонанд наҷот ёбанд?»

**8,34** Баъд Исо амалан *ба онҳо гуфт:* «Ман баҳри наҷоти одамон ба уқубатҳо ва марг меравам. Агар шумо *аз ақиби Ман* рафтан хоҳед, пас бояд ҳама гуна ниятҳои худпарастонаро рад кунед, роҳи беобрӯӣ, уқубат ва маргро дарк намуда интихоб намоед ва *Маро пайравӣ намоед.* Эҳтимол, лозим меояд, ки шумо аз лавозимоти шахсӣ, аз хурсандии ашрофона, алоқаҳои заминӣ, такаббури бузург, сарвати моддӣ ва ҳатто худи ҳаёт даст кашед». Чунин изҳорот дар назди мо саволе мегузорад: аслан мо чӣ гуна ба он бовар карда метавонем, ки ҳуқуқ дорем зиндагиро дар ҳашамат ва шароити муҳайё гузаронем? Чӣ гуна мо чизпарастӣ, худпарастӣ ва хунукии дилҳоямонро сафед карда метавонем? Суханони ӯ моро ба зиндагии инкори худ, итоат, уқубат ва қурбонӣ даъват менамояд.

**8,35** Ҳамеша васвасаи *ҷони* худро *раҳонидан* – бароҳат зиндагонӣ кардан, барои оянда захира кардан, «ман»-и шахсиро ба маркази ҳама чиз гузошта, интихоби шахсии худро кардан – ҳаст. Аз ин дида роҳи дурусттаре барои гум кардани ҷони худ нест. Масеҳ моро даъват менамояд, ки рӯҳи худ, ҷони худ ва ҷисми худро ба Ӯ супорда, худро пурра ба мақсадҳои Ӯ ва Мужда бахшем. Ӯ моро даъват менамояд, ки дар хизмати поки Ӯ худро сарф кунем ва сарф шавем, ва агар ин лозим бошад, зиндагиро барои муждарасонии ҷаҳон супорем. Гум кардани ҷон ҳаминро ифода мекунад. Аз ин дида роҳи беҳтари раҳонидани ҷон нест.

**8,36-37** Ҳатто агар имондор тамоми сарватҳои ҷаҳонро дар умри худ ҷамъ карда тавонад, ба ӯ аз ин чӣ гуна фоида мешуд? Ӯ имконияти барои ҷалоли Худо ва наҷоти ҳалокшудаистодагон истифода бурдани зиндагии худро аз даст медод. Ин созиши бад мебуд. Зиндагии мо нисбат ба тамоми чизҳое ки ин ҷаҳон пешниҳод мекунад, хеле зиёдтар арзиш дорад. Мо онро ба кӣ мебахшем: ба худ ё ба Масеҳ?

**8,38** Худованди мо мефаҳмид, ки баъзе шогирдони ҷавони Ӯ, аз масхара шудан тарсида, дар роҳи шогирдӣ пешпо хӯрда метавонанд. Бинобар ин Ӯ ба онҳо хотиррасон намуд, ки ҳамаи онҳое ки аз барои Ӯ хандахариш шудан намехоҳанд, вақте ки Ӯ пуриқтидор гардида ба замин бармегардад, боз ҳам зиёдтар шармсор мегарданд. Чӣ гуна фикр! Ба наздикӣ Худованди мо ба замин, ин дафъа на дар залилӣ, балки дар ҷалоли Худ ва ҷалоли Падари Худ бо фариштагони пок меояд. Ин манзараи бошукӯҳ хоҳад шуд. Он гоҳ Ӯ онҳоеро, ки ҳозир аз Ӯ шарм медоранд, шармсор хоҳад кард. Бигзор суханони Ӯ: *«Ҳар кӣ дар ин насли зинокор ва гуноҳкор аз Ман ва аз суханони Ман шарм кунад ...»* дар дилҳои мо садо диҳанд. Дар ҷаҳони беимон ва пургуноҳ аз Наҷотдиҳандаи бегуноҳ шарм доштан чӣ бемаънист!

## IV. САФАРИ ХИЗМАТГОР БА УРШАЛИМ (Б. 9 ва 10)

### А. Дигаргун шудани Хизматгор (9,1-13)

Худованд ба шогирдон роҳи бешарафӣ, уқубат ва маргро нишон дод, ки Ӯ бояд бо он мерафт, ва онҳоро даъват намуд, ки ба василаи худфидокунӣ ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ ба Ӯ пайравӣ кунанд. Ӯ дар ин ҷо тарафи дигари медалро нишон медиҳад. Шогирдӣ ба онҳо дар ин зиндагӣ хеле қимат афтад ҳам, он дар ҷалол мукофоти чандинкаратаро ба даст хоҳад овард.

**9,1-7** Худованд аз огоҳонидани он шурӯъ намуд, ки *баъзе аз* шогирдон то *Подшоҳии Худоро, ки бо қувват меояд, набинанд, маргро намечашанд.* Ӯ *Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро* дар назар дошт. Дар кӯҳи Дигаргуншавӣ онҳо *Подшоҳии Худоро бо қувват* диданд. Маънои ин ҷой чунин аст: ҳамаи уқубатҳои ҳозираи мо баҳри исми Масеҳ фаровон мукофотонида хоҳанд шуд, вақте ки Ӯ бо хизматгорони Худ дар ҷалол бармегардад. Вазъияте ки дар кӯҳ ҳукмрон буд, чун нишонаи Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ хизмат мекард.

1. Исо *дигаргун шуд* – аз шахсияти Ӯ дурахши чашмбар мебаромад. Ҳатто *либосҳои Ӯ* чунон *дурахшон* шуданд, ки дар замин шустагар ҳам чунон сафед карда наметавонад.

   Дар омадани аввалини Исо ҷалоли Ӯ пинҳон буд. Ӯ чун Марди андӯҳҳо,

таҳқиршуда ва ғамдида омад. Лекин Ӯ дар ҷалол бозмеояд. Он гоҳ ҳеҷ кас, Ӯро дида, хато намекунад. Ҳама дар Ӯ Подшоҳи подшоҳон ва Худои худовандонро хоҳанд дид.

2. Бо Ӯ *Илёс* ва *Мусо* буданд. Онҳо намояндагӣ мекунанд: а) муқаддасони Аҳди Қадимро, ё б) шариатро (Мусо) ва пайғамбаронро (Илёс), ё в)муқаддасони мурдаро ва муқаддасони дигаргуншударо.
3. Дар он ҷо *Петрус, Яъқуб ва Юҳанно* ҳузур доштанд. Онҳо муқаддасони Аҳди Навро намояндагӣ карда метавонанд ё онҳоеро, ки дар вақти барпо кардани Подшоҳӣ хоҳанд зист.
4. Шахсияти марказӣ *Исо* буд. Дар ҷавоби пешниҳоди Петрус оид ба сохтани *се ҷодар, аз осмон овози* манъкунанда садо дод. Масеҳ бояд дар ҳама чиз бартарӣ дошта бошад. Ӯ ҷалоли замини Имонуил хоҳад буд.
5. *Абр* – шояд, абри ҷалол аст, ки дар замонҳои Аҳди Қадим дар Қудси қудсҳои хаймаи ҷомеъ ва парастишгоҳ воқеъ буд. Вай ифодаи дидашавандаи ҳузури Худо буд.
6. *Овоз* овози Худо Падар буд, ки Масеҳро чун *Писари дӯстдошта* эълон мекард.

**9,8** Вақте ки абр дур рафт, шогирдон *касеро ғайр аз Исо надиданд*. Ин манзараи ҷои ягона, пурҷалол ва имтиёзнокест, ки Исо ишғол мекунад, вақте ки Подшоҳии Ӯ дар қудрат меояд, ва ҷоест, ки Ӯ дар замони ҳозира бояд дар дилҳои пайравони Худ ишғол намояд.

**9,9-10** *Онҳо чун аз кӯҳ мефуромаданд, Исо фармуд, ки то Писари Одам аз мурдагон барнахезад, он чи дидаанд, ба касе нагӯянд*. Ин огоҳкунии охирин онҳоро ба ҳайрат овард. Эҳтимол, онҳо то ба ҳол тахмин карда наметавонистанд, ки Ӯ бояд кушта шавад ва аз нав зинда шавад. Онҳо дар тааҷҷуб буданд, ки ифодаи *«аз мурдагон бархестан»* чӣ маъно дошта метавонад. Чун яҳудиён, онҳо он ҳақиқатро медонистанд, ки ҳамаи мурдагон бармехезанд. Аммо Исо дар бораи растохези алоҳида мегуфт. Ӯ аз байни бисёриҳо зинда мешавад – на ҳама ҳамроҳи Ӯ зинда мешаванд. Ин ҳақиқат танҳо дар Аҳди Нав вомехӯрад.

**9,11** Дар назди шогирдон боз як масъала бархест. Онҳо навакак манзараи пешакии Подшоҳиро дида буданд. Вале магар Малокӣ пешгӯӣ накарда буд, *ки Илёс бояд пеш аз* Масеҳ *биёяд,* барқароркуниро сар кунад ва барои барпо кардани Подшоҳии умумиҷаҳонии Ӯ роҳ тайёр намояд (Мал. 4,5)? Илёс дар куҷост? Оё Ӯ, чӣ хеле ки *китобдонон* мегӯянд, *аввал меояд?*

**9,12-13** Исо ба ин савол чунин ҷавоб дод: Дар ҳақиқат *дуруст аст, ки Илёс бояд аввал биёяд,* вале саволи муҳимтар аст: Оё дар Навиштаи Аҳди Қадим пешгӯӣ нашудааст, ки *Писари Одам бояд* ранҷи бисёр кашад ва *хор шумурда шавад?* Агар гап дар бораи Илёс бошад, пас *Илёс* омада буд (дар шахсият ва хизмати Яҳёи Таъмиддиҳанда), аммо одамон бо ӯ, чӣ хеле ки худашон мехостанд, ҳамон тавр муносибат мекарданд, – бо Илёс ҳам айнан ҳамон хел рафтор мекарданд. Марги Яҳёи Таъмиддиҳанда қаблан хабар медод, ки одамон ба Писари Одам чӣ кор мекунанд. Онҳо саромадро рад намуданд, онҳо Подшоҳро низ рад хоҳанд кард.

## Б. Шифоёбии навраси девзада (9,14-29)

**9,14-16** Шогирдон набояд дар қуллаи кӯҳи ҷалол мемонданд. Дар поён, дар водӣ, онҳоро инсонияти нолидаистода, азияткашида интизор буд. Дар пеши пои онҳо ҷаҳони муҳтоҷӣ паҳн шуда буд. Вақте ки Исо ва се шогирд ба доманаи кӯҳ фаромаданд, *китобдонон,* мардуми бисёр ва дигар *шогирдон* бо шавқу завқ мубоҳиса мекарданд. Ҳамин ки Худованд намудор шуд, сӯҳбат қатъ гардид ва мардум ба назди Ӯ шитофтанд. «Шумо бо шогирдони Ман дар бораи *чӣ баҳс мекунед?»* – пурсид Исо.

**9,17-18** Падари аз ғам бехудгашта ба Худованд дар бораи *писари худ, ки рӯҳи гунг* дошт, бо ошуфтагӣ нақл кард. Рӯҳ ӯро ба замин мезанад, ва маҷбур мекунад *дандонҳо бо ҳам сояд* ва *кафк барорад*. Аз ин рагкашиҳои даҳшатнок кӯдак оҳиста-оҳиста суст мешуд. Падар ба *шогирдон* муроҷиат намуд, аммо онҳо ёрӣ дода *натавонистанд*.

**9,19** Исо шогирдонро барои нобоварии онҳо сарзаниш намуд. Магар Ӯ ба онҳо қудрати берун рондани девҳоро набахшид? *То кай Ӯ бо онҳо* бошад, пеш аз он ки онҳо қудратеро, ки Ӯ ба онҳо дод, истифода баранд? *То кай* ҳаёти нотавонона ва мағлубияти онҳоро тоқат кунад?

**9,20-23** Вақте ки наврасро ба назди Худованд *овარданд,* дев хуруҷи махсусан ҷиддиро ба вуҷуд овард. Худованд *аз падари вай пурсид, кай боз* ин ҳолат бо кӯдак рӯй додааст. Падар фаҳмонид, ки *аз кӯдакӣ.* Дар вақти шиддати бемории рӯҳ наврасро *борҳо дар оташ ва дар об партофт.* Чандин бор ӯ ба марг наздик буд. Баъд падар аз Худованд хоҳиш намуд, ки *агар* мумкин бошад, ба онҳо раҳм кунад ва ёрӣ диҳад. Ин фиғони дили аз солҳои навмедӣ азияткашида буд. *Исо* ҷавоб дод, ки масъала на дар он аст, ки оё Ӯ шифо бахшида метавонад, балки дар он аст, ки оё падар *имон оварда* метавонад. Бовар кардан ба Худои зинда ҳамеша мукофотонида мешавад. Барои Ӯ ҳеҷ чизи ғайриимкон нест.

**9,24** Падар парадокси имон ва беимониро, ки халқи Худо дар ҳама замонҳо аз сар мегузаронад, баён намуд. *«Имон меоварам, Хоҷаам! Ёрӣ деҳ ки бар беимонии худ ғолиб оям».* Мо бовар кардан мехоҳем, вале моро шакку шубҳа фаро гирифтааст. Мо ин мухолифати дохилӣ, беасосро бад мебинем ва бо он мубориза бурданамон бенатиҷа барин менамояд.

**9,25-27** Вақте ки *Исо* ба *рӯҳи нопок* фармуд, то аз кӯдак берун шавад, боз як хуруҷи даҳшатнок ба амал омад, сипас ҷисми хурдакак *монанди мурда* ланҷ шуд. Худованд ӯро хезонд ва ба падар баргардонд.

**9,28-29** Баъдтар, вақте ки Худованди мо *дар хона бо шогирдони* Худ танҳо буд, онҳо *аз Ӯ пурсиданд,* чаро онҳо рӯҳро берун карда натавонистанд. Ӯ ҷавоб дод, ки баъзе муъҷизаҳо *дуо ва рӯзаро* талаб менамоянд. Кадоме аз мо дар хизмати масеҳии худ ҳар сари чанд вақт бо ҳисси мағлубият ва нобарорӣ дучор нагаштааст? Мо монда нашуда ва аз рӯи виҷдон меҳнат мекунем, вале натиҷаи кори Рӯҳи Худоро дар қувва намебинем. Мо инчунин суханони Наҷотдиҳандаро мешунавем, ки ба мо ёдрас мекунанд: *«Ин ҷинс ба ҳеҷ восита берун намеравад, ҷуз бо дуо ва рӯза ...».*

## В. Исо аз нав марг ва растохези Худро пешгӯӣ мекунад (9,30-32)

**9,30** Худованд Қайсарияи Филиппусро бурида гузашт *ва аз Ҷалил мегузашт.* Ин роҳ Ӯро ба Уршалим ва ба салиб меоварад. Ӯ номаълум монда, сафар кардан мехост. Хизмати Худро дар назди омма Ӯ асосан ба итмом расонид. Акнун Ӯ вақташро бо шогирдон гузаронида, онҳоро насиҳат медод ва ба оянда тайёр менамуд.

**9,31-32** Ӯ ба онҳо рӯйрост гуфт, ки Ӯро таслим мекунанд ва мекушанд ва Ӯ *рӯзи сеюм бармехезад.* Онҳо бо кадом як сабаб суханони Ӯро нафаҳмиданд, аммо *тарсиданд, ки пурсанд.* Мо низ аксар аз пурсидан метарсем ва баракатро аз даст медиҳем.

## Г. Иззатталабӣ дар Подшоҳӣ (9,33-37)

**9,33-34** *Вақте ки* онҳо *ба Кафарнаҳум,* ба хонае омаданд, ки бояд он ҷо ист мекарданд, Исо *пурсид,* ки дар роҳ бо якдигар дар чӣ хусус мубоҳиса мекарданд. Шогирдон шарм мекарданд иқрор шаванд, ки онҳо дар бораи он мубоҳиса мекарданд, ки кадоме аз онҳо *бузургтар* аст. Эҳтимол, дигаргуншавӣ онҳоро ба Подшоҳӣ наздик аз нав умедвор кард ва онҳо дар он ба худ ҷои ифтихориро интихоб менамуданд. Фаҳмидани он дарднок аст, ки дар ҳамон вақте ки Исо ба онҳо оид ба марги наздикшудаистодаи Худ гап мезад, онҳо аниқ карданӣ мешуданд, ки кадоми онҳо беҳтарин аст. Аз рӯи гуфтаи Ирмиё, дили одам аз ҳама чиз маккортар ва шифонопазир аст (Ирм. 17,9).

**9,35-37** Пас аз фаҳмидани он ки онҳо дар бораи чӣ баҳс мекарданд, Исо ба онҳо дарси фурӯтанӣ дод. Вай гуфт, ки роҳи нахустин шудан – дар хизмат ихтиёран ҷои аз ҳама пасттаринро гирифтан ва на барои худ, балки барои дигарон зистан аст. Ӯ ба пеши онҳо *кӯдакеро* гузошту ба оғӯш кашид. Ӯ гуфт, ки ба шахсоне ки аз ҳама камтар гиромӣ буда, аз эҳтиром маҳрум ҳастанд, *ба номи* Ӯ некӣ кардан – ин аст бузургӣ. Ин баробар ба марҳамат кардан ба Худи Исо мебошад, ва на танҳо ба Худи Ӯ, балки ба Худо Падар низ. «Эй, Худованд Исои қуддус, таълимоти Ту дили ҷисмонии маро санҷид ва фош намуд. «Ман»-и маро шикан ва Худат ба воситаи зиндагии ман амал намо».

## Ғ. Хизматгор мазҳабпарастиро манъ мекунад (9,38-42)

Чунин менамояд, ки ин боб пур аз нобарориҳост. Суханони Петрус дар кӯҳи

Дигаргуншавӣ бемаврид буданд (оятҳои 5.6). Ба шогирдон аз писарчаи гунг берун кардани девҳо муяссар нагардид (ояти 18). Сипас онҳо оид ба он баҳс карданд, ки кадоме аз онҳо бузургтар аст (ояти 34). Дар оятҳои 38-40 мо мебинем, ки онҳо чӣ гуна рӯҳи мазҳабпарастиро зоҳир намуданд.

**9,38** *Юҳанно,* шогирди дӯстдошта, нақл намуд, ки онҳо одамеро вохӯрданд, ки ба *номи* Исо *девҳоро берун мекард*. Шогирдон кардани ин корро ба ӯ манъ карданд, зеро ӯ бо онҳо набуд. Он шахс таълимоти бардурӯғро мавъиза намекард ва дар гуноҳ намезист. Ӯ фақат ба шогирдон ҳамроҳ нашуда буд.

*Онҳо даврае кашиданд, ки ман ба он намегунҷидам – Саркаш, бидъаткор – чизи сазовори нафрат;*
*Лек муҳаббат ва ақли ман ғолиб омаданд – Мо давраеро кашидем, ки онҳоро ҳам фаро гирифт.*

**9,39** *Исо гуфт:* «Ӯро нигоҳ надоред. Агар дар ӯ имон ба Ман кифоя бошад, то ки ба исми Ман девҳоро берун намояд, пас ӯ тарафдори Ман аст ва бар зидди шайтон меҳнат мекунад. Ӯ наметавонад худи ҳамон замон зид барояд ва дар ҳаққи *Ман бадгӯӣ* кунад ё душмани Ман бошад».

**9,40** Ояти 40, аз афташ, ба Матто 12,30 мухолифат менамояд, ки дар он ҷо Исо гуфтааст: «Ҳар кӣ бо Ман нест, ба Ман муқобил аст; ва ҳар кӣ бо Ман ҷамъ намекунад, вай пароканда мекунад». Вале дар асл ин ҷо мухолифат нест. Дар Матто сухан оид ба он мерафт, ки оё Масеҳ Писари Худо буд ё Ӯ дорои қувваи шайтонӣ буд. Дар чунин масъалаи умда ҳар касе ки бо Исо набуд, бар зидди Ӯ амал мекард.

Дар ин оят на дар бораи шахсият ё амали Масеҳ, балки дар бораи ҳамкорӣ дар хизмат ба Худованд сухан меравад. Дар ин ҷо таҳаммул ва муҳаббат бояд бошад. Оне ки хизматаш *зидди* Масеҳ равона карда *нашудааст,* зидди шайтон амал мекунад ва, яъне, тарафдори Масеҳ аст.

**9,41** Ҳатто хурдтарин амали неке ки *ба номи* Масеҳ карда шудааст, мукофотонида мешавад. *Косаи обе* ки ба шогирд аз боиси ба *Масеҳ* тааллуқ доштанаш медиҳанд, номаълум намемонад. Бо номи Ӯ берун кардани дев – амали хеле намоён аст. Додани пиёлаи *об* – чизи муқаррарист. Вале ҳам он, ҳам дигарӣ дар назди Худованд арзанда мебошад, агар барои ҷалоли Ӯ карда шавад. *«Аз он рӯ ки пайрави Масеҳ ҳастед»,* – ана он банде ки бояд имондоронро ба як ҷо муттаҳид созад. Ин суханон, агар онҳоро аз назар дур накунем, моро аз рӯҳи мазҳабпарастӣ, ҷанҷолҳои ночиз ва ҳасад дар хизмати масеҳӣ наҷот медиҳанд.

**9,42** Масеҳӣ ҳамеша бояд дар назар дошта бошад, ки суханон ё амали ӯ ба дигарон чӣ гуна таъсир мекунанд. Барои бародари ҳамкор чун монеа хизмат кардан ва ба ӯ дар тамоми умраш зарари рӯҳонӣ расонидан мумкин аст. Дар ин ҳолат *беҳтар аст, ки санги осиёбе бар гарданаш овехта,* ӯро ба бахр афкананд, нисбат ба он ки ба ӯ иҷозат дода шавад, то *яке аз ин хурдонро* ба васвасаи дур шудан аз роҳи муқаддасӣ ва ҳақиқат андозад.

## Д. Худинтизомии бераҳмона (9,43-50)

**9,43** Оятҳои ояндаи ин боб зарурияти интизом ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсиро таъкид менамоянд. Ҳар касе ки ба роҳи шогирдии ҳақиқӣ баромад, бояд ҳамеша бо хоҳишҳо ва майлҳои табиӣ мубориза барад. Хушомад ба ҷисм боиси ҳалокат мегардад. Назорат бар он ғалабаи рӯҳониро таъмин менамояд.

Худованд дар бораи *даст, пой* ва *чашм* сухан ронда, шарҳ медод, ки нисбат ба гирифтори васваса шуда ба *дӯзах* афтидан, онҳоро аз даст додан беҳтар мебуд. Ба мақсад расидан ҳар гуна қурбониро меарзад.

*Даст* рамзи амали мост, *пой* – гардиши мо, *чашм* бошад – хоҳишҳои мост. Ин минтақаҳои дорои имкони хатаранд. Агар нисбати онҳо қатъӣ набошем, онҳо ба ҳалокати абадӣ оварда метавонанд.

Оё ин ҷо онро таълим медиҳад, ки имондорони ҳақиқӣ метавонанд ҳалок шаванд ва то абад дар дӯзах мемонанд? Агар ин оятҳо аз қаринаи матн берун гирифта шаванд, ба чунин ақида оварда метавонанд. Аммо тамоми таълимоти Аҳди Навро ба асос гирифта, мо ба хулоса омада метавонем, ки ҳар як шахси ба дӯзах мерафта умуман ҳеҷ гоҳ масеҳии ҳақиқӣ набуд. Одам гуфта метавонад, ки ӯ аз нав зода шудааст ва якчанд вақт шаҳодати зоҳирии хубро нигоҳ дошта метавонад. Вале агар чунин одам ба ҷисми худ тағофул намояд, пас маълум мешавад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буд.

**9,44-48** Худованд борҳо[12] оид ба дӯзах чун оид ба ҷое *ки дар он ҷо кирми онҳо намемурад ва оташ хомӯш намешавад,* сухан меронад. Ин фавқулода ҷиддӣ садо медиҳад. Агар мо дар ҳақиқат ба ин бовар мекардем, мо на барои чизҳо, балки барои ҷонҳои абадӣ зиндагонӣ намуданро сар мекардем. «Худовандо, ба ман барои ҷонҳо шавқу рағбат деҳ!»

Хушбахтона, дар асоси мулоҳизаҳои ахлоқӣ зарурияти буридани даст, ё пой, ё чашм нест. Исо ба мо таҷриба намудани чунин ифротро маслиҳат намедод. Ӯ фақат гуфт, ки истифодаи ин узвҳоро қурбон кардан аз он беҳтар аст, ки кас барои суиистеъмоли онҳо ба дӯзах андохта шавад.

**9,49** Оятҳои 49 ва 50 махсусан душворанд. Бинобар ин мо онҳоро ибора ба ибора дида мебароем.

*«Зеро ҳар кас бо оташ намакин мешавад». Се саволи асосӣ ҳаст:* 1) Дар ин ҷо дар бораи кадом *оташ* сухан меравад? 2) *«Намакин мешавад»* чиро ифода мекунад? 3) *«Ҳар кас»* ба наҷотёфтагон, наҷотнаёфтагон ё ҳам ба инҳо ва ҳам ба онҳо ишорат менамояд?

*Оташ* дӯзахро ифода карда метавонад (чун дар оятҳои 44, 46, 48) ё ягон доварӣ, аз ҷумла доварии Худоро бар аъмоли имондорон ва инчунин худмаҳкумкуниро.

*«Намак»* – муҳофизат мекунад, пок месозад ва хуштаъм мегардонад. Дар кишварҳои шарқӣ он гарави садоқат, дӯстӣ ва вафо ба паймон мебошад.

Агар *«ҳар кас»* ба беимонон дахл дошта бошад, пас ин ба фикре меоварад, ки онҳо дар оташи дӯзах нигоҳ дошта мешаванд, яъне онҳо ҷовидона ҷазо хоҳанд кашид.

Агар *«ҳар кас»* ба имондорон дахл дошта бошад, пас дар асоси ин ҷо онҳо бояд: 1) бо оташи тарбияи илоҳӣ дар ин ҳаёт пок карда шаванд; ё 2) худинтизомӣ ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсиро таҷриба намуда, худро аз вайрон шудан муҳофизат намоянд; ё 3) дар пеши Курсии доварии Масеҳ озмуда шаванд.

*«Ва ҳар қурбонӣ бо намак намакин мешавад».* Ин ҷумла аз Иб. 2,13 иқтибос шудааст (ниг. инчунин Ад. 18,19; 2Вақ. 13,5). Намак рамзи паймони байни Худо ва халқи Ӯ буда, бояд ба халқ хотиррасон намояд, ки паймон шартномаи ҷиддиест, ки онро бе вайронкунӣ риоя кардан лозим аст. Ҷисми худро барои қурбонии зинда ба Худо тақдим намуда (Рум. 12,1.2), мо бояд қурбониро намак кунем ва бахшида шуданро қатъиян ба амал оварем.

**9,50** *«Намак хуб аст».* Масеҳиён – намаки заминанд (Мат. 5,13). Худо интизори он аст, ки таъсири онҳо ба ҷаҳон муфид ва поккунанда хоҳад буд. То замоне ки онҳо пайравии худро ба амал меоваранд, ба ҳама баракат меоранд.

*«Лекин агар намак шӯр набошад, бо чӣ шумо онро ислоҳ мекунед?» Намаке ки* қувваташро гум кардааст, арзиш надорад. Масеҳие ки вазифаи худро чун шогирди ҳақиқӣ иҷро намекунад, – бесамар ва бенатиҷа мебошад. Зиндагии масеҳиёнаро хуб сар кардан кифоя нест. То замоне ки дар зиндагии фарзанди Худо худмаҳкумкунии доимӣ ва қатъӣ набошад, ӯ ба мақсаде ки бахри он Худо ӯро наҷот дод, расида наметавонад.

*«Пас дар худ намак дошта бошед».* Дар ҷаҳон қувваи Худо бошед. Ба он бахри ҷалоли Масеҳ таъсири файзбахш расонед. Дар зиндагии худ ба ҳама чизе ки самаранокии шуморо барои Ӯ кам карда тавонад, оштинопазир бошед.

*«Ва бо якдигар муросо кунед».* Дар ин ҷо, эҳтимол, ишора ба оятҳои 33 ва 34 аст, ки он ҷо шогирдон баҳс мекарданд, ки кадоме аз онҳо бузургтар аст. Ғурурро ба як сӯ гузоштан ва онро ба хизмати хоксорона барои ҳама иваз намудан лозим аст.

Дар охир чунин хулоса намудан мумкин аст: оятҳои 49 ва 50, эҳтимол, зиндагии имондорро чун қурбонӣ ба Худо ифода мекунанд. Вай бо оташ намакин карда шудааст, яъне ба ӯ худмаҳкумкунӣ ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ хос аст. Вай бо намак намакин карда шудааст, яъне гарави садоқати устувор ба Худо мебошад. Агар имондор уҳдадориҳои худро бозпас гирад, ё аз уҳдаи назорати қатъӣ бар хоҳишҳои гуноҳкорона набарояд, пас зиндагии вай бемаза, беарзиш ва бемаънӣ хоҳад буд. Бинобар ин ӯ бояд аз зиндагии худ ҳамаи он чиро, ки ба иҷрои вазифаи аз тарафи Худо ба ӯ таъйингардида халал мерасонад, решакан кунад; ӯ ҳамчунин бояд бо имондорони дигар муросо намояд.

### Е. Никоҳ ва талоқ (10,1-12)

**10,1** Худованди мо аз Ҷалил ба ҷанубу шарқ, ба Перея, вилояте ки дар тарафи шарқии

*Урдун* ҷой дошт, равона шуд. Хизмати Ӯ дар Перея то ояти 10,45 давом мекунад.

**10,2** *Фарисиён* Ӯро хеле зуд ёфтанд. Онҳо чун галаи гургон аз пайи сайд мерафтанд. Онҳо Ӯро ба дом афтонидан хоста, пурсиданд, ки оё *талоқ додан раво аст.* Исо ба онҳо Тавротро ишора намуд. *Мусо ба шумо чӣ фармудааст?*

**10,3-9** Онҳо бо изҳор намудани он ки *Мусо иҷозат додааст,* аз савол канораҷӯӣ карданд. Ӯ ба он шарт ба мард талоқ доданро ба занаш *иҷозат дод,* ки ӯ ба занаш *талоқномае* нависад. Аммо нияти Худо на дар ин буд; танҳо *ба сабаби дилсахтии* одамӣ талоқ иҷозат дода шуда буд. Аз рӯи нияти Худо никоҳ марду занро барои тамоми умр бо ҳам пайваст мекард. Ин паймон аз офариниши марду зан аз тарафи Худо бармеояд. Мард бояд падару модари худро *тарк карда,* никоҳ кунад, то ки ӯ ва зани ӯ *як тан* гарданд. Он чи *Худо ба ҳам пайвастааст,* набояд аз рӯи нишондоди одам ҷудо карда шавад.

**10,10** Аз афташ, қабули ин ҳатто ба *шогирдонаш* душвор буд. Дар он замонҳо занон ҳимояи ҳуқуқӣ ва эҳтиромро надоштанд. Аксар вақт бо онҳо бо нафрат муносибат менамуданд. Мард агар аз занаш норозӣ бошад, ба ӯ талоқ дода метавонист. Зан ҳеҷ гуна ҳуқуқ надошт. Бо ӯ бисёртар чун ба моликият муносибат мекарданд.

**10,11-12** Ҳангоме ки шогирдон ба Худованд боз аниқтар савол доданд, Ӯ рӯйрост гуфт, ки никоҳи дуюмбора баъд аз талоқ *зино мебошад,* новобаста ба он ки айбдори талоқ кӣ бошад: мард ё зан. Ин оятро дар алоҳидагӣ дида баромада, хулоса баровардан мумкин аст, ки талоқ дар ҳама гуна маврид манъ аст. Аммо дар Матто 19,9 Исо истисно мекунад. Дар он ҷое ки яке аз ҳамсарон дар хиёнат гунаҳкор аст, талоқ гирифтан ва дуюмбора оиладор шудани ҳамсари дигарӣ иҷозат дода шудааст. Инчунин дар 1Қур. 7,15 низ талоқ иҷозат дода мешавад, вақте ки ҳамсари беимон ҳамсари имондорро тарк мекунад.

Албатта, мушкилоте ҳастанд, ки умуман ба мавзӯи талоқ ва никоҳи дуюмбора дахл доранд. Гоҳо муносибатҳои оилавӣ ба андозае чигиланд, ки барои кушодани ҳамаи чигилҳои он хиради Сулаймон лозим мешавад. Воситаи беҳтарини раҳоӣ аз бесарусомонӣ – аз талоқ ҳазар кардан аст. Талоқ дар зиндагӣ боз мушкилиҳо ва рӯҳафтодагиро барои онҳое ки ба он алоқаманданд, ба вуҷуд меоварад. Вақте ки одами талоқшуда узви калисои маҳаллӣ шудан мехоҳад, пирони калисо ин ҳодисаро бояд бо тарси Худо дида бароянд. Ҳар як ҳодиса ба дигарӣ монанд нест ва бояд ҷудогона дида баромада шавад.

Ин порча нишон медиҳад, ки Масеҳ на танҳо дар бораи покии робитаҳои занушӯӣ, балки инчунин дар бораи ҳуқуқҳои занон ғамхорӣ менамуд. Масеҳият ба занон бо эҳтироми муносиб муомила мекунад, ки инро дар динҳои дигар вонамехӯред.

## Ё. Исо ба кӯдакон дуои хайр мегӯяд (10,13-16)

**10,13** Дар ин ҷо мо ғамхории Худованд Исоро дар ҳаққи *кӯдакон* мебинем. Шогирдон падару модаронеро, ки *кӯдакони* худро *меоварданд,* роҳ намедоданд, то Устод ва Шубон ба онҳо дуои хайр гӯяд.

**10,14-16** Худованд *норозӣ шуда, гуфт,* ки *Подшоҳии Худо аз они кӯдакони* хурд ва онҳоест, ки имон доранд ва ба монанди кӯдакон итоат мекунанд. Барои *дохил шудан* ба Подшоҳӣ калонсолон бояд ба кӯдакони хурд монанд шаванд.

Ҷорҷ Макдоналд такрор кардани онро дӯст медошт, ки ба масеҳияти касе ки дар назди дари ӯ писаракону духтаракони бозӣ кардаистода нестанд, бовар намекунад. Яқинан, ин оятҳо бояд ба хизматгори Худованд таассурот ба амал оваранд: ба кӯдакон бо Каломи Худо таъсир расонидан чӣ андоза муҳим аст. Ақли кӯдакон фавқулода нарм ва таъсирпазир аст. В. Греҳем Скроггӣ гуфтааст: «Барои кӯдакон аз ҳама беҳтарин гардед ва ба онҳо чизи аз ҳама беҳтаринро диҳед».

## Ж. Ҷавони сарватманд (10,17-31)

**10,17** Яқинан, одами сарватманд дар назди Худованд бо саволи самимӣ ҳозир шуд. Исоро «*Устоди некӯ*» номида, ӯ пурсид, ки ӯ *чӣ кор* кунад, *то вориси ҳаёти абадӣ* шавад.

**10,18** Исо дар суханони «*Устоди некӯ*» бозистод. Ӯ ин номро рад намекард, вале онро барои озмоиши имони одам истифода бурд.

Танҳо *Худо* некӯст. Оё одами сарватманд ба Худованд Исои Масеҳ чун ба Худо эътиқод доштан мехост? Эҳтимол, не.

**10,19-20** Баъдтар Наҷотдиҳанда барои фаҳмидани гуноҳ шариатро истифода бурд. Ин одам худро бо он фирефта мекард, ки бо принсипи *амал кардан* вориси Подшоҳӣ шудан мумкин аст. Дар ин сурат бигзор ӯ шариатро иҷро намояд, ки он ба ӯ мегӯяд, ки чӣ *кор кардан* лозим аст. Худованди мо ба ӯ панҷ фармудаеро хотиррасон намуд, ки асосан ба муносибатҳои мо ба наздикон дахл доранд. Амалан, ин фармудаҳо мегӯянд: «Наздикони худро ба монанди худат дӯст дор». Одам гуфт, ки ӯ ин фармудаҳоро *аз ҷавонии* худ *нигоҳ доштааст.*

**10,21-22** Аммо оё ӯ дар ҳақиқат наздикони худро ба монанди худаш дӯст медошт? Агар ҳа, пас бигзор тамоми молу мулки худро фурӯхта ва пулҳоро ба *камбағалон* тақсим карда, инро исбот намояд. Оҳ, ин тамоман кори дигар аст! *Ӯ аз ин сухан ошуфта ва ғамгин шуда, рафт, чунки молу мулки бисёр дошт.*

Худованд Исои Масеҳ онро дар назар надошт, ки он мард молу мулки худро фурӯхта ва онро чун садақа тақсим намуда, наҷот ба даст оварда метавонист. Фақат ягона роҳ ба наҷот ҳаст – имон овардан ба Худованд. Аммо барои он ки наҷот ба даст оварад, он мард бояд фаҳмад, ки ӯ гуноҳкор аст ва ба талаботи муқаддаси Худо мувофиқат намекунад. Худованд диққати мардро ба Даҳ Фармуда равона намуд, то ӯро ба пургуноҳии худ бовар кунонад. Тақсим кардани молу мулки худро нахостани ҷавони сарватманд исбот кард, ки ӯ наздиконни худро ба монанди худаш дӯст намедорад. Ӯ мебоист мегуфт: «Худовандо, агар маҳз ҳамин талаб карда шавад, пас ман – гуноҳкорам. Ман худро бо саъю кӯшиши шахсии худ наҷот дода наметавонам. Бинобар ин ман хоҳиш менамоям: бо марҳамати Худат маро наҷот деҳ». Аммо ӯ молу мулки худро беҳад дӯст медошт. Ӯ аз он рӯ гардонидан намехост. Ӯ нигоҳ доштани молу мулки худро афзал донист.

Вақте ки Исо ба ин одам фурӯхтани ҳама чизро пешниҳод намуд, Ӯ ба ин усул чун ба роҳи наҷот ишорат намекард. Ӯ ба одам онро ишорат намуд, ки ӯ шариати Худоро вайрон намудааст ва ба наҷот муҳтоҷ аст. Агар ӯ нишондодро мепазируфт, ба ӯ роҳи наҷот бахшида мешуд.

Вале ин ҷо боз як савол ба вуҷуд меояд. Оё мо, имондорон, наздикони худро монанди худамон бояд дӯст дорем? Оё Исо ба мо мегӯяд: *«Ҳар он чи дорӣ, фурӯш ва ба камбағалон деҳ ва дар осмон ганҷе меёбӣ; ва омада, салибро бардошта, Маро пайравӣ кун»?* Ҳар кас бояд худ ба худаш ҷавоб диҳад, аммо аввал далелҳои баҳснопазири зеринро дида мебароем:

1. Ҳазорҳо одамон ҳар рӯз аз гуруснагӣ мемиранд.
2. Зиёда аз нисфи аҳолии кураи замин ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд.
3. Чизҳои арзишноки моро барои сабук кардани эҳтиёҷоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии одамон истифода бурдан мумкин аст.
4. Ибрати Масеҳ моро меомӯзад, ки мо бояд бенаво гардем, то дигарон сарватманд шаванд (2Қур. 8,9).
5. Чӣ андоза кӯтоҳ будани умри мо ва чӣ қадар наздик будани омадани Масеҳро дониста, мо бояд хулоса кунем: пулҳои худро ҳозир ба кори Худо маблағгузорӣ кунем. Вақте ки Ӯ меояд, хеле дер мешавад.

**10,23-25** Чӣ гуна дар байни мардум ғайб задани одами сарватмандро дида, Исо изҳор намуд, ки *ба Подшоҳии Худо* даромадани сарватмандон душвор аст. Шогирдонро ин суханон дар ҳайрат мононданд; онҳо ба он фикре одат карда буданд, ки сарват баракат аз Худо аст. Бинобар ин Исо такрор намуд: *«Эй фарзандон! Ба онҳое ки ба сарват такя мекунанд, даромадан ба Подшоҳии Худо чӣ гуна душвор аст!» «Ҳақиқатан ҳам,» давом медод Ӯ, «аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватманд ба Подшоҳии Худо дохил шавад».*

**10,26-27** Ин дар шогирдон саволи зеринро ба вуҷуд овард: *Пас кӣ наҷот ёфта метавонад?* Чун яҳудиёне ки таҳти шариат зиндагӣ мекунанд, онҳо сарватро нишондиҳандаи баракатҳои Худо меҳисобиданд, ва ин беасос набуд. Мувофиқи шариати Мусо, Худо ба фармонбардорон пешрафтро ваъда додааст. Шогирдон аз ин бояд хулоса мебароварданд, ки агар одами сарватманд ба Подшоҳӣ даромада наметавониста бошад, пас ҳеҷ кас наметавонад. Исо ҷавоб дод, ки *он чи* барои одамон *ғайриимкон аст, ба Худо имконпазир аст.*

Пас, ин порчаро омӯхта, ба чӣ гуна хулоса меоем?

Пеш аз ҳама, наҷот ёфтани одамони сарватманд махсусан душвор аст (ояти 23), зеро онҳо ба он моил мешаванд, ки сарвати худро аз Худо зиёдтар дӯст доранд. Онҳо назар ба сарвати худ аз Худо тезтар рӯ мегардонанд. Онҳо назар ба Худованд бештар ба сарвати худ умед мебанданд. То замоне ки онҳо дар чунин ҳолат мемонанд, онҳо наҷот ба даст оварда наметавонанд.

Дар ҳақиқат, дар Аҳди Қадим сарват аломати хайрхоҳии Худо буд. Аммо алҳол вазъият тағйир ёфт. Сарват ба ҷои аломати баракати Худо шудан санҷиши бахшида шудани одам ба Худо гардид.

Аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аз он аст, ки шахси сарватманд ба дарвозаҳои Подшоҳӣ дарояд. Агар ба таври инсонӣ гӯем, сарватманд наҷот ёфта наметавонад. Дар ин ҷо касе эътироз карда метавонад, ки мувофиқи нуқтаи назари одамӣ, *ҳеҷ кас* наҷот ёфта наметавонад. Ин рост аст. Вале дар мавриди шахси сарватманд ин ростӣ боз ҳам бузургтар аст. Ӯ бо шароите дучор меояд, ки дар бораи онҳо камбағал ҳатто гумон бурда наметавонад. Ҳокимияти молу сарват бояд аз тахти дили ӯ сарнагун карда шавад ва ӯ бояд дар назди Худо чун мискин ҳозир гардад. Чунин дигаргуниро бо саъю кӯшиши одамӣ ба амал овардан ғайриимкон аст. Танҳо Худо ин корро карда метавонад.

Масеҳиёне ки дар замин ганҷ ҷамъ меоваранд, одатан барои беитоатии худ дар зиндагии фарзандони худ ҷазо мебинанд. Хеле кам вомехӯрад, ки фарзандон аз чунин оилаҳо бо Худованд муносибатҳои дуруст дошта бошанд.

**10,28-30** *Петрус* моҳияти таълимоти Наҷотдиҳандаро зуд дарк намуд. Ӯ фаҳмид, ки Исо бо ин чӣ гуфт: «Ҳама чизро тарк кунед ва ба Ман пайравӣ намоед». Исо ба касе ки баҳри Ӯ ва Инҷил ҳамаро тарк мекунад, алҳол ва дар абадият мукофот ваъда дода, ҳаққонӣ будани суханони Петрусро тасдиқ намуд.

1. Мукофоти ҳозира даҳ ҳазор фоизро ташкил медиҳад, аммо на дар шакли пул, балки:
   а) дар *хонаҳо* – дар хонаҳои онҳое ки барои хизматгорони Худованд истиқоматгоҳ пешниҳод менамоянд;
   б) дар *бародарон, хоҳарон, падарон, модарон ва фарзандон* – дӯстони масеҳӣ, ки робита бо онҳо зиндагиро ғанӣ мегардонад;
   в) дар *заминҳо* – кишварҳои дунё, ки ӯ ба онҳо ба номи Подшоҳ иддао мекунад;
   г) дар *таъқибот* – онҳо як қисми мукофоти ҳозира мебошанд. Агар одам ба уқубат кашидан бахри Исо сазовор аст – ин боиси хурсандист.
2. Мукофоти оянда – зиндагии абадӣ. Ин онро ифода намекунад, ки ҳамаро тарк намуда, мо зиндагии абадиро ба даст меоварем. Зиндагии абадӣ – ато аст. Дар ин ҷо фикре ниҳон аст, ки шахсони ҳама чизро тарккунанда қобилияти боз ҳам бештари дар осмон аз зиндагии абадӣ лаззат бурданро ба мукофот мегиранд. Ҳамаи имондорон ин зиндагиро доро хоҳанд буд, аммо на ҳама аз он ба дараҷаи якхела лаззат хоҳанд бурд.

**10,31** Сипас Худованди мо огоҳиро илова намуд: *«Лекин бисёре ки аввалин ҳастанд, охирин мешаванд ва охиринҳо – аввалин»*. Ибтидои хуб дар роҳи шогирдӣ – ҳанӯз ҳеҷ чиз нест. Он чиз ба ҳисоб гирифта мешавад, ки чӣ хел мо ба марра мерасем. Айэнсайд гуфтааст:

*На ҳар кӣ пайрави содиқ ва бахшидашуда буданро ваъда додааст, то охир бо роҳи даст кашидан аз манфиатҳои шахсӣ баҳри Масеҳ хоҳад рафт. Шахсоне ҳам мешаванд, ки онҳо гӯё дар ақиб буданд, ва ба бахшидашуда будани онҳо шубҳа мекарданд, аммо онҳо садоқат ва фидокориро дар соати озмоиш нигоҳ медоранд.*[13]

## 3. Пешгӯии сеюм дар бораи уқубатҳои Хизматгор (10,32-34)

**10,32** Вақти *сӯи Уршалим* равона шудан расид. Ин роҳ Худованд Исои Масеҳро ба андӯҳ ва азобҳои Ҷатсамонӣ, ба шармандагӣ ва ҷонканӣ дар салиб мебурд.

Дар ин лаҳза Ӯро чӣ гуна ҳиссиёт фаро гирифта буданд? Магар мо инро аз суханони зерин фаҳмида наметавонем: *«Исо пешопеши онҳо мерафт»?* Ӯ, ба чӣ қимат афтидани онро пурра дарк намуда, баҳри иҷрои иродаи Худо саршори ҷасорат буд. Ӯ танҳо буд – Ӯ пешопеши шогирдон танҳо мерафт. Ва Ӯро шодӣ фаро гирифта буд – шодии амиқи нагузаранда аз дарки он ки Ӯ иродаи Падарро иҷро менамояд, дурнамои шодиовари ҷалоли оянда, шодии кафорати Арӯси Худ. Ӯ дар

бораи шодие ки Ӯро интизор буд, медонист ва бинобар ин, аз хорӣ натарсида ба сӯи салиб мерафт.

Мо низ, чӣ гуна пешопеш рафтани Ӯ, Пешвои собитқадами мо, Сарвар ва Комилкунандаи имони мо, Худованди пурҷалол, Мири илоҳиамонро дида, дар ҳайрат мемонем. Эрдман менависад:

*Биёед бозмеистем ва ба чеҳраи Ӯ менигарем, ба чеҳраи Писари Худо, ки ба сӯи салиб устуворона қадам мегузорад! Оё ин моро ба корнамоиҳои нав дар пайравӣ ба Ӯ водор намесозад; оё дар дили мо шӯълаи муҳаббат афрӯхта намешавад, вақте мо мебинем, ки Ӯ ихтиёрӣ баҳри мо ба мурдан меравад; ва оё моро маъно ва сирри ин марг ба ҳайрат намеоварад?*[14]

Шогирдон, ки аз ақиби Ӯ мерафтанд, *метарсиданд*. Онҳо медонистанд, ки ҳокимони динӣ дар Уршалим марги Ӯро мехостанд.

**10,33-34** Исо бори аввал ба шогирдони Худ ҳодисаҳои меомадаро батафсил тасвир намуд. Ин нақшаи пайғамбарона аз он шаҳодат медиҳад, ки Ӯ аз одами одӣ бештар аст:

1. *«Инак, мо сӯи Уршалим меравем» (11,1-13,37).*
2. *«Писари Одам ба дасти саркоҳинон ва китобдонон таслим карда мешавад» (14,1.2.43-53).*
3. *«Ва Ӯро ба марг маҳкум мекунанд» (14,55-65).*
4. *«Ва Ӯро ба дасти ғайрияҳудиён месупоранд» (15,1).*
5. *«Ва Ӯро тамасхур мекунанд, тозиёна мезананд, туфборон мекунанд ва Ӯро мекушанд» (15,2-38).*
6. *«Ва дар рӯзи сеюм аз мурдагон бармехезад» (16,1-11).*

### И. Бузургӣ дар хизмат аст (10,35-45)

**10,35-37** Аз пайи ин пешгӯии аламнок оид ба дар салиб мехкӯб шудани Ӯ, ки наздик меомад, *Яъқуб ва Юҳанно* бо масъалаи хайрхоҳона ва дар айни ҳол бемаврид *назди Ӯ омаданд*. Хоҳиши онҳо хуб буд – онҳо ба Масеҳ наздиктар шудан мехостанд, вале ба ҳар ҳол, ҳирси бузургӣ густохона мебошад. Онҳо боварии худро ба он нишон доданд, ки Исо ба зудӣ Подшоҳии Худро барпо мекунад, аммо онҳо бояд дар бораи уқубатҳои дар пеш истодаи Ӯ андеша меронданд.

**10,38-39** *Исо* аз онҳо пурсид, *оё* онҳо *метавонанд косаи* Ӯро, ки рамзи уқубатҳои Ӯ буд, *нӯшанд,* ва оё метавонанд *дар таъмиди* Ӯ – тимсоли марги Ӯ иштирок кунанд. Онҳо ҷавоб доданд, ки *метавонанд* ва Ӯ тасдиқ намуд, ки онҳо ҳақанд. Онҳо барои садоқати худ ба Ӯ азоб хоҳанд кашид ва Яъқуб ҳатто марги пуразобро қабул хоҳад кард (Аъм. 12,2).

**10,40** Вале баъд Ӯ шарҳ дод, ки дар Подшоҳӣ ҷойҳои боифтихор худсарона дода намешаванд. Ба онҳо сазовор шудан лозим аст. Дар ин ҷо ба хотир овардан хуб аст, ки даромадгоҳ ба Подшоҳӣ ба мо аз рӯи файз ба василаи имон кушода мешавад, аммо мавқеи мо дар Подшоҳӣ аз рӯи садоқат ба Масеҳ муайян карда хоҳад шуд.

**10,41-44** *Даҳ* шогирди дигар *аз Яъқуб ва Юҳанно,* ки аз онҳо пешдастӣ кардан хостанд, *норозӣ шуданд*. Аммо норозигии онҳо аз он шаҳодат медод, ки ки дар онҳо низ ҳамон рӯҳия буд. Ин ба Худованд Исои Масеҳ имкон дод, то ба онҳо дарси хубе оид ба бузургӣ диҳад, ки аз ақидаи маъмулӣ қатъиян фарқ мекард. Дар байни беимонон бузургони ин ҷаҳон худсарона ҳукмронӣ мекунанд. Онҳо бар зердастон бартарӣ доранд ва бар онҳо зулм мекунанд. Вале дар Подшоҳии Масеҳ бартарият бо хизмат нишона карда шудааст. *Ҳар кӣ хоҳад аввалин бошад,* бигзор *ғуломи* ҳама шавад.

**10,45** Олитарин намунаи ин – Худи *Писари Одам* аст, ки Ӯ *на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон диҳад*. Дар ин бора ҳамеша андеша намоед! Ӯ дар ин ҷаҳон ба тариқи фавқуттабиӣ зода шуд. Тамоми зиндагии Ӯ аз хизмат иборат буд. Ва Ӯ ҷони Худро дар марги ивазкунанда супурд.

Чунон ки дар боло зикр гардида буд, ояти 45 – ояти асосии тамоми Инҷили Марқус мебошад. Ин илоҳиётшиносӣ дар шакли хурд, манзараи зиндагии бузургтарин дар ҷаҳон аст.

### Й. Бартимайи кӯр бино шуд (10,46-52)

**10,46** Баъдтар воқеа аз Перея ба Яҳудо мегузарад. Худованд ва шогирдони Ӯ аз Урдун гузашта, ба *Ариҳо* ворид шуданд. Дар он ҷо онҳо *Бартимайи кӯрро* вохӯрданд, ки бениҳоят

мухтоҷ буд ва дар бораи ин мухтоҷӣ медонист ва қарори қатъии аз ин раҳо ёфтанро дошт.

**10,47** Бартимай дар Худованди мо *Писари Довудро* шинохт ва ба Ӯ бо ин исм муроҷиат намуд. Чӣ гуна таъна! Дар ҳоле ки халқи Исроил, дар байни онҳо ҳузур доштани Масеҳро надида, кӯр буд, яҳудии кӯр дорои биниши ҳақиқии рӯҳонӣ буд!

**10,48-52** Доду фарёди боисрори ӯ оид ба хайр бе ҷавоб намонд. Ба хоҳиши аниқ оид ба биноӣ ҷавоби аниқ дода шуда буд. Сипосгузории ӯ дар шогирдии пур аз имон ифода ёфт, вақте ӯ аз паси Исо дар роҳи охирини Ӯ ба Уршалим пайравӣ намуд. Шояд, дили Худованд шод гардид, вақте Ӯ, ки ба сӯи салиб равона буд, дар Ариҳо чунин имонро дарёфт намуд. Хуб аст, ки Бартимай маҳз дар ҳамин рӯз ба Худованд муроҷиат намуд, зеро ки Наҷотдиҳанда дигар ҳеҷ гоҳ аз ин роҳ нагузашт.

## V. ХИЗМАТИ ХИЗМАТГОР ДАР УРШАЛИМ (Б. 11 ва 12)

### А. Воридшавии ботантана (11,1-11)

**11,1-3** Нақл дар бораи ҳафтаи охирин сар мешавад. Исо дар нишебии шарқии *кӯҳи Зайтун,* дар наздикии *Байт-Фоҷӣ* («хонаи анҷирҳои нопухта») ва *Байт-Анё* («хонаи бенавоён, фурӯтанон, мазлумон») манзил гирифт.

Замоне даррасид, ки Исо мебоист кушоду равшан дар назди халқи яҳудӣ чун Масеҳ – Подшоҳи онҳо ҳозир мешуд. Ӯ инро, дар болои *харкурра* нишаста, бахри иҷроиши пешгӯии Закариё 9,9 хоҳад кард. Инак, *Ӯ шогирди Худро* аз Байт-Анё ба Байт-Фоҷӣ мефиристад. Ба дониши комил ва обрӯву эътибори пурра молик буда, Ӯ ба онҳо фармуд, ки *харкурраи* бастаеро, ки ҳанӯз касе ба он нанишастааст, ёфта ба назди Ӯ биёранд. Ва агар касе онҳоро нигоҳ дорад, пас онҳо бояд гӯянд, ки *Худованд ба он эҳтиёҷ дорад*. Ҳамадоние ки Худованд дар ин ҷо зоҳир кард, шахсеро водор намуд чунин бигӯяд: «Ин Масеҳи илоҳиётшиносии ҳозиразамон нест, балки Масеҳи таърих ва осмонҳост».

**11,4-6** Ҳама чиз ҳамон хел шуд, ки Исо пешгӯӣ карда буд. Шогирдон дар кӯчаи деҳа назди дарвоза *курраро ёфтанд*. Вақте ки аз онҳо пурсиданд, ки чаро онҳо ҳайвонро мекушоянд, шогирдон ҷавоб доданд, ки Исо чунин карданро фармудааст. Он гоҳ одамон *онҳоро ба ҳоли худ гузоштанд.*

**11,7-8** Агарчи ба харкурра пеш аз ин ҳеҷ кас савор нашуда буд, вақте ки Офаридгори худро ба Уршалим мебурд, вай якравӣ намекард. Худованд ба шаҳр аз рӯи *ҷомаҳои* густурда ва *шохаҳои* нахл дар зери нидоҳои халқ, ки дар гӯшҳои Ӯ садо медоданд, даромад. Ҳеҷ набошад барои як лаҳза Ӯ Подшоҳ эътироф гардида буд.

**11,9-10** Одамон хитоб мекарданд:

1. *«Ҳӯшионо»* – ин калима дар ибтидо «наҷот деҳ, мо зорӣ мекунем»-ро ифода менамуд, вале баъд нидои мадҳ гардид. Эҳтимол, одамон дар назар доштанд: «Зорӣ мекунем, аз золимони румӣ наҷот деҳ!»
2. *«Муборак аст Он ки ба номи Худованд меояд!»* – эътирофи аниқи он ки Исо Масеҳи ваъдашуда буд (Заб. 117,26).
3. *«Муборак аст Подшоҳии падари мо Довуд, ки ба номи Худованд меояд!»* – онҳо фикр мекарданд, ки вақти барқарорсозии Подшоҳӣ наздик шудааст ва Масеҳ ба тахти Довуд мешинад.
4. *«Ҳӯшионо дар арши аъло»* – даъват оид ба *ҷалол додани* Худованд *дар арши аълои* осмонҳо ё нишон додани наҷот аз *арши аълои* осмонҳо аст.

**11,11** Исо ба *Уршалим* даромад ва баъд *ба ибодатгоҳ* – на ба Қудс, балки ба ҳавлии ибодатгоҳ. Ин хонаи Худо ҳисобида мешуд. Аммо дар ин парастишгоҳ Ӯ чун дар хона набуд, зеро ки рӯҳониён ва халқ ба Ӯ ҷои ҳаққониро пешниҳод кардан нахостанд. Бинобар ин, тез *ҳама чизро аз назар гузаронида,* Наҷотдиҳанда *бо дувоздаҳ* шогирд *ба Байт-Анё рафт*. Бегоҳи якшанбе буд.

### Б. Дарахти анҷири бемева (11,12-14)

**11,12-14** Ин ҳодиса чун шарҳи қабули овозадоре ки дар Уршалим ба Наҷотдиҳанда нишон дода шуд, хизмат кард. Исо халқи Исроилро чун *дарахти анҷири* беҳосил медид, – вай баргҳои эътиқоди имонро дошт, аммо на ҳосил. Фарёди «Ҳӯшионо!» ба зудӣ бо фарёди «Ӯро ба салиб каш!» иваз мешавад.

Дар фаҳмиши ин порча душвории зоҳирӣ ҳаст. Исо дарахти анҷирро барои он лаънат кард, ки дар вай ҳосил набуд, агарчи дар ҳикоя аниқ гуфта шудааст, ки *мавсими анҷир ҳанӯз нарасида буд.* Чунин менамояд, ки Наҷотдиҳанда беандеша ва бесаброна рафтор намуд. Вале мо медонем, ки ин тавр нест. Пас, ин вазъияти аҷоибро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст?

Дар кишварҳои Навиштаи Муқаддас дарахтҳои анҷир то пайдоиши баргҳо ҳосили хӯрданибобӣ барвақтӣ меоварданд. Онҳо муждарасони ҳосили муқаррарӣ буданд, ки ин ҷо чун *мавсими анҷир* тасвир шудааст. Агар анҷирҳои барвақтӣ пайдо намешуданд, ин нишонаи он буд, ки баъдтар ҳосили муқаррарӣ намешавад. Вақте Исо ба назди халқи Исроил омад, Ӯ баргҳоро, ки аз эътиқоди онҳо гувоҳӣ медиҳанд, дид, аммо ҳосил барои Худо наёфт. Ин ваъдаи бе иҷроиш, эътиқод бе воқеияти ҳақиқӣ буд. Исо аз ин халқ интизори ҳосил буд. Вале азбаски ҳосили барвақтӣ набуд, Ӯ медонист, ки аз ин халқи нобовар ҳосили баъдина ҳам намешавад ва бинобар ин дарахти анҷирро лаънат хонд. Ин нишонаи он маҳкумият аст, ки дар соли 70-уми милодӣ бар Исроил меафтад.

Аммо аз ин чунин хулоса намебарояд, ки Исроил ба беҳосилии абадӣ маҳкум шудааст. Халқи Исроил то даме тарк карда шуда буд, ки Масеҳ барои подшоҳӣ кардан бармегардад, халқ аз нав зинда мешавад ва аз нав мавқеи имтиёзноки аз ҷониби Худо додашударо ишғол менамояд.

Ин ягона муъҷизае мебошад, ки Масеҳ баракат надода лаънат хонд, зиндагиро барқарор нанамуда барҳам дод. Ин боиси ҳайрат аст. Вале эътироз дар ин ҷо беасос аст. Офаридгор ҳуқуқи мустақили нест кардани чизи беҷонро дорад, то дарси муҳими рӯҳонӣ диҳад ва бо ҳамин одамонро аз ҳалокати абадӣ наҷот диҳад.

Ҳарчанд шарҳи ин ҷой асосан бо Исроил алоқаманд аст, он ба одамони ҳамаи замонҳо, ки суханони олӣ ва зиндагии бадахлоқонаро дар худ муттаҳид месозанд, қобили татбиқ аст.

## В. Хизматгор парастишгоҳро пок мегардонад (11,15-19)

**11,15-16** Исо хизмати ҷамъиятии Худро сар карда, савдогаронро аз парастишгоҳ пеш кард (Юҳ. 2,13-22). Акнун, вақте ки хизмати Ӯ ба охир мерасид, Ӯ аз нав ба ҳавлии *маъбад* даромад ва онҳоеро, ки аз амалҳои динӣ фоида гирифтанӣ буданд, пеш кард. Ӯ ҳатто нагузошт, ки касе барои бурдани чизе аз миёни ибодатгоҳ гузарад.

**11,17** Иқтибосҳоро аз Ишаъё ва Ирмиё муттаҳид намуда, Ӯ нопоккунӣ, чизпарастӣ ва рӯҳи тиҷоратро маҳкум намуд. Худо пешбинӣ кард, ки парастишгоҳ *хонаи дуо барои ҳамаи халқҳо* хоҳад буд (Иш. 56,7), на танҳо барои Исроил. Онҳо бошанд онро ба ҷои савдои динӣ, ҷои дуздон ва фиребгарон табдил доданд (Ирм. 7,11).

**11,18** Айбдоркунии Ӯ ба *китобдонон ва сардорони коҳинон* сахт таъсир кард. Онҳо мехостанд *Ӯро нобуд кунанд,* аммо ин корро ошкоро карда наметавонистанд, зеро одамони одӣ ба Исо бо эҳтироми зиёд назар мекарданд.

**11,19** Бегоҳ *Ӯ аз шаҳр берун рафт.* Замони феъл дар забони нусхаи асл ба он ишорат мекунад, ки ин одати Ӯ буд, шояд, ба андешаи бехатарӣ. Ӯ барои Худ наметарсид. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки хизмати Ӯ инчунин ғамхориро оид ба таъмини амнияти гӯсфандон, яъне шогирдони Ӯ, дар бар мегирифт (Юҳ. 17,6-19). Ба ғайр аз ин, Худро пеш аз вақти муайяншуда ба душманон таслим намудан аз тарафи Ӯ бемаънигӣ мебуд.

## Г. Дарси ибрати дарахти анҷири беҳосил (11,20-26)

**11,20-23** Субҳи дигар баъд аз он ки Исо дарахти анҷирро лаънат хонд, шогирдон ба Исроил равона шуда, аз назди он мегузаштанд. Дарахти анҷир *то реша хушк шуда* буд. Вақте Петрус инро ба Худованд нишон дод, Ӯ фақат гуфт: *«Ба Худо имон дошта бошед».* Вале ин суханон бо дарахти анҷир чӣ гуна робита доранд? Оятҳои баъдина нишон медиҳанд, ки Исо ба имон чун воситаи бартарафкунандаи душвориҳо даъват менамуд. Агар шогирдон *ба Худо имон* дошта бошанд, пас онҳо мушкилоти беҳосилиро ҳал карда, монеаи ба кӯҳ баробарро бартараф карда метавонанд.

Вале ин оятҳо ба одам ҳуқуқ намедиҳанд, то оид ба қувваи муъҷизанок барои иҷрои талаботи худ ё лавозимоти шахсӣ дуо гӯяд. Ҳар як қадами имон бояд бар ваъдаи Худо асос

ёбад. Агар мо донем, ки бартараф намудани душвории муайян хости Худост, пас бо боварии комил дуо гуфта метавонем, ки ин ба ҷо оварда мешавад. Аслан, мо ҳамон вақт бо имон дуо гуфта метавонем, ки ба мувофиқати хоҳишамон бо хости Худо, ки дар Навиштаи Муқаддас зоҳир шудааст, боварӣ дошта бошем, ё вақте ки шаҳодати дохилии Рӯҳро гирифтаем.

**11,24** Агар мо дар ҳақиқат зиндагиамонро дар робитаи зич бо Худованд гузаронем ва дар Рӯҳ дуо гӯем, пас пеш аз иҷобат шудани дуо ҳам ба он боварӣ дошта метавонем.

**11,25-26** Вале яке аз шартҳои асоситарини иҷобат шудани дуо – рӯҳи бахшидан мебошад. Агар мо хашмгинӣ ва хоҳиши қасосгирӣ аз дигаронро дар худ парварем, пас мо умедвор шуда наметавонем, ки Худо моро мешунавад ва ҷавоб медиҳад. Мо бояд *афв намоем,* то бахшида шавем. Ин ба бахшиши ҳуқуқии гуноҳҳо дар лаҳзаи тавба кардан дахл надорад: вай танҳо бо файз ба василаи имон ба вуқуъ меояд. Ин ҷо бошад сухан дар бораи он аст, ки Худо бо фарзандони Худ корҳоро падарона ҳал мекунад. Рӯҳи наомурзидан робитаи дутарафаи имондорро бо *Падари осмонӣ* барҳам мезанад ва ба ҷараёни баракат мамониат менамояд.

## Ғ. Қудрати Хизматгор зери шубҳа гузошта мешавад (11,27-33)

**11,27-28** Ҳамин ки Исо ба *маъбад* наздик шуд, ба Ӯ пешвоёни динӣ мурoҷиат намуданд ва ду савол дода, қудрати Ӯро ба зери шубҳа гузоштанд: 1) *«Бо кадом ҳуқуқ Ту ин корҳоро мекунӣ?»* 2) *«Ва кист, ки ин ҳуқуқро ба Ту додааст, то ин корҳоро кунӣ?»* (яъне парастишгоҳро пок намудан, дарахти анҷирро лаънат хондан ва бо тантана ба Уршалим ворид шудан). Онҳо новобаста ба он, ки Ӯ чӣ гуна ҷавоб медиҳад, умедвор буданд Ӯро ба дом афтонанд. Агар Ӯ мегуфт, ки дар Худ ҳамчун Писари Худо ҳуқуқ дорад, онҳо Ӯро дар куфр айбдор менамуданд. Агар Ӯ мегуфт, ки ин ҳуқуқ ба Ӯ аз одамон ато шудааст, онҳо Ӯро беобрӯ мекарданд. Агар Ӯ мегуфт, ки ҳуқуқро аз Худо гирифтааст, онҳо ба ин арз ситезаҷӯӣ менамуданд, чунки онҳо худро сарварони динии аз тарафи Худо интихобшудаи халқ меҳисобиданд.

**11,29-32** Вале *Исо* ба савол бо савол ҷавоб дод. Оё Яҳёи Таъмиддиҳандаро Худо ваколат дода буд ё не? (Дар зери *таъмиди Яҳё* тамоми хизмати ӯ дар назар дошта шудааст.) Ин савол онҳоро саросема кард. Агар хизмати Яҳё аз осмон бошад, пас онҳо ба даъвати ӯ ба тавба бояд ҳамовоз мешуданд. Ва агар онҳо ба паст задани хизмати Яҳё ҷуръат менамуданд, пас қаҳру ғазаби халқи одиро ба вуҷуд меоварданд, ки онҳо *Яҳёро* мунодии Худо меҳисобиданд.

**11,33** Вақте ки онҳо надонистанашонро далел оварда ҷавоб доданро рад намуданд, Худованд бо онҳо муҳокима намудани ҳуқуқи Худро рад кард. Азбаски онҳо ваколати Саромадро эътироф кардан намехостанд, аз эҳтимол дур аст, ки ваколати аз ин ҳам бузургтари Худи Подшоҳро эътироф намоянд!

## Д. Масал дар бораи токдорони бадкор (12,1-12)

**12,1** Худованд Исо бо ҳокимони яҳудӣ сӯҳбат карданро бас накард, ҳатто вақте ки ба саволи онҳо ҷавоб доданро рад намуд. Ӯ ба онҳо дар шакли *масал* айбномаи сахте изҳор намуд, ки онҳо Писари Худоро рад намуданд. *Касе* ки *ток шинонд* – Худи Худост. *Токзор* – мавқеи имтиёзноки Исроил мебошад. Шариати Мусо чун *девор* хизмат мекард, ки Исроилро аз бутпарастон ҷудо карда, онҳоро чун халқи интихобшудаи Худо муҳофизат менамуд. *Токдорон* пешвоёни динӣ, ба монанди фарисиён, китобдонон ва пирон буданд.

**12,2-5** Худо борҳо хизматгорони Худ, пайғамбаронро, ба назди халқи Исроил фиристода, мушоракат, муқаддасӣ ва муҳаббат ҷуста буд. Вале халқ пайғамбаронро таъқиб менамуд ва баъзе аз онҳоро *кушт.*

**12,6-8** Ниҳоят, Худо *Писари* дӯстдоштаи Худро фиристод. Онҳо, албатта, бояд аз Ӯ *шарм* медоштанд. Вале ин ба вуқуъ наомад. Онҳо бар зидди Ӯ суиқасд ташкил намуданд ва охири охирон *куштанд.* Бо ин суханон Худованд марги шахсии Худро пешгӯӣ намуд ва кушандагони Худро нишон дод.

**12,9** Худо бо чунин одамони бадкор чӣ мекунад? Ӯ онҳоро *нобуд мекунад,* ҷои имтиёзнокро бошад *ба дигарон* месупорад. Дар зери калимаи *«дигарон»* ғайрияҳудиён ё

боқимондаи дар рӯзҳои охирин тавбакардаи Исроилро фаҳмидан мумкин аст.

**12,10-11** Ҳамаи ин ба хотири иҷрои Навиштаи Аҳди Қадим буд. Масалан, дар Забур 117,22.23 пешгӯӣ шудааст, ки пешвоёни яҳудӣ *Масеҳро* дар нақшаи сохтмони худ рад мекунанд. Онҳо барои ин *Санг* ҷой намеёбанд. Вале баъд аз марги Худ Ӯ аз мурдагон зинда шуда, мақоми имтиёзноки аз тарафи Худо ба Ӯ додашударо ишғол менамояд. Ӯ дар бинои Худо *санги сари гӯша* мешавад.

**12,12** Сарварони яҳудӣ маънои масалро фаҳмиданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки Забур 117 дар бораи Масеҳ мегуфт. Акнун онҳо шуниданд, ки чӣ тавр Худованд Исои Масеҳ онро ба Худ истифода бурд. Онҳо *хостанд Ӯро дастгир кунанд,* аммо алҳол вақти Ӯ нарасида буд. *Мардум* ба тарафдории Исо бархеста метавонистанд. Инак, сарварони динӣ то муддате *Ӯро вогузошта рафтанд.*

## Е. Он чи аз они шоҳаншоҳ аст, ва он чи аз они Худост (12,13-17)

Дар боби 12 мо оид ба ҳуҷумҳои фарисиён, ҳиродиён ва саддуқиён ба Худованд мехонем. Ин боби саволҳост (ниг. оятҳои 9, 10, 14, 15, 16, 23, 24, 26, 28, 35, 37).

**12,13-14** *Фарисиён ва ҳиродиён,* душманони оштинопазир, алҳол якҷоя ба ҳам пайвастанд: онҳоро нафрати умумӣ ба Наҷотдиҳанда муттаҳид месохт. Онҳо мекӯшиданд Ӯро ба гуфтани чунин як чизе водор созанд, ки барои айбдор кардани Ӯ истифода бурдан мумкин бошад. Бинобар ин онҳо аз Ӯ пурсиданд, ки оё ба ҳокимияти Рум *андоз додан* раво аст.

Ба ҳеҷ як яҳудӣ дар зери ҳокимияти бутпарастон зистан маъқул набуд. Фарисиён онҳоро ниҳоят бад медиданд, дар ҳоле ки ҳиродиён мавқеи муътадилтареро ишғол менамуданд. Агар Исо пардохтани андозро *ба шоҳаншоҳ* ошкоро дастгирӣ мекард, пас аксари яҳудиён аз Ӯ дур мешуданд. Агар Ӯ зидди шоҳаншоҳ сухан мегуфт, пас онҳо Ӯро назди ҳукуматдорони румӣ меоварданд, то Ӯро дастгир намоянд ва чун хиёнаткор маҳкум кунанд.

**12,15-16** Исо хоҳиш намуд, то ба Ӯ *диноре* биёранд. (Эҳтимол, Ӯ Худаш надошт.) Дар танга шоҳаншоҳ Тибериюс тасвир ёфта буд ба хотири огоҳӣ оид ба он ки яҳудиён халқи фатҳшуда, асир мебошанд. Чаро онҳо дар чунин вазъият буданд? Аз сабаби гуноҳ ва нобоварӣ. Онҳоро ба эътирофи он ки дар тангаҳояшон тасвири диктатори бутпараст буд, маҷбур карда, фурӯтан гардондан лозим буд.

**12,17** Исо ба онҳо гуфт: *«Он чи аз они шоҳаншоҳ аст, ба шоҳаншоҳ диҳед ва он чи аз они Худост – ба Худо»*. Ҷавоби Ӯ онҳоро фош намуд, вале хатои онҳо на ба қисми якуми суханони Масеҳ, балки ба қисми дуюм дахл дошт. Агарчи бе рағбат бошад ҳам, вале онҳо ба румиён андоз месупурданд, ҳуқуқи Худоро ба зиндагияшон бошад онҳо бе таваҷҷуҳ гузоштанд. Дар танга тасвири шоҳаншоҳ буд, яъне, вай ба шоҳаншоҳ тааллуқ дошт. Одам сурати Худоро дорад, Худо ӯро ба сурат ва шабоҳати Худ офарид (Ҳас. 1,26.27), яъне, одам ба Худо тааллуқ дорад.

Имондор бояд ба ҳокимияте ки дар зери роҳбарии он зиндагонӣ мекунад, итоат намояд ва онро дастгирӣ кунад. Ӯ набояд роҳбарияти ҳукуматро ҳақорат диҳад ё дар сарнагун сохтани ҳукумат иштирок намояд. Ӯ бояд андоз супорад ва барои ҳамаи роҳбарон дуо гӯяд. Агар ӯро ба кардани чунин як чизе даъват намоянд, ки садоқати ӯро ба Масеҳ вайрон мекарда бошад, ӯ бояд рад кунад ва ба ҷазо тоб оварад. Талаботи Худо бояд дар ҷои аввал бошанд. Ин талаботро пайравӣ намуда, масеҳиён бояд дар пеши мардум ҳамеша некном бошанд.

## Ё. Саддуқиён ва муаммои онҳо оиди растохез аз мурдагон (12,18-27)

**12,18** *Саддуқиён* либералҳо (озодандешон) ва ратсионалистони ҳамон замон буданд, ки танҳо хирадро эътироф менамуданд, на ин ки имонро. Онҳо ба таълимот оид ба *растохези* ҷисмонӣ тамасхур менамуданд. Ин ақидаро масхара карданӣ шуда, онҳо ба назди Худованд бо ҳикояи бемаънӣ омаданд.

**12,19** Онҳо ба Исо хотиррасон намуданд, ки шариати *Мусо* дар бораи бевазанон дар Исроил ғамхории махсусро пешбинӣ менамуд. Барои нигоҳ доштани номи оила ва нигоҳ доштани молу мулк, шариат мефармуд, ки агар мард фарзанд нагузошта бимирад, *бародараш* бояд беваи ӯро ба занӣ гирад (Так. Шар. 25,5-10).

**12,20-23** Дар ин ҷо ҳикояи бофта дар бораи зане оварда мешавад, ки бо навбат ба *ҳафт бародар* ба шавҳар баромада буд. *Баъд аз ҳама* вай ҳам *мурд*. Саволи «оқилона»-и онҳоро бинед! *«Пас, дар рӯзи растохез, чун бармехезанд, вай зани кадоми онҳо мешавад?»*

**12,24** Онҳо худро доно меҳисобиданд, аммо Наҷотдиҳанда ба амиқии ҷаҳолати онҳо ишорат намуд, зеро онҳо ҳам *Навиштаҳоро,* ки оид ба растохез аз мурдагон таълим медиҳад, ҳам *қудрати Худоро,* ки мурдагонро зинда мекунад, намедонистанд.

**12,25** Пеш аз ҳама онҳо бояд медонистанд, ки муносибатҳои заношӯӣ дар осмон давом намекунанд. Дар осмонҳо имондорон якдигарро мешиносанд ва фарқиятҳоро чун мардон ва занон гум намекунанд, аммо *на зан мегиранд ва на ба шавҳар мераванд*. Дар ин бобат онҳо *монанди фариштагон дар осмон* хоҳанд буд.

**12,26-27** Пас аз он Худованд ба саддуқиён, ки китобҳои Мусоро болотар аз боқии Аҳди Қадим қадр менамуданд, ҳодисаи бо *Мусо* дар назди буттаи фурӯзон рухдодаро ёдрас намуд (Хур. 3,6). Он ҷо Худо Худро *Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб* меномид. Наҷотдиҳанда ин ҷойро барои нишон додани он истифода бурд, ки Худо *на Худои мурдагон, балки Худои зиндагон аст*.

Вале чӣ тавр? Магар Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб намурда буданд, вақте ки Худо ба Мусо зоҳир шуд? Бале, ҷисми онҳо дар ғори Макфело дар Ҳебрӯн буданд. Ба чӣ тариқ Худо Худои зиндагон аст?

Далелҳо, эҳтимол, инҳоянд:

1. Худо ба падаркалонҳо ваъдаҳое дод, ки ҳам ба замин, ҳам ба Масеҳ дахл доштанд.
2. Ин ваъдаҳо дар вақти зиндагии онҳо иҷро нашуданд.
3. Ҳангоме ки Худо бо Мусо дар назди буттаи фурӯзон гап мезад, ҷасади падаркалонҳо дар қабр буд.
4. Вале бо вуҷуди ин Худо дар бораи Худ чун дар бораи Худои зиндаҳо сухан меронд.
5. Ӯ бояд ваъдаи ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб додашударо иҷро намояд.
6. Аз он чи ба мо оид ба хислати Худо маълум аст, бармеояд, ки растохез – зарурияти мутлақ аст.

Ва бинобар ин Худованд ба саддуқиён дар вақти хайрухуш гуфт: *«Пас шумо хеле гумроҳ шудаед»*.

### Ж. Фармони бузургтарин (12,28-34)

**12,28** Дар зери таъсири он ки Худованди мо чӣ хел устокорона аз уҳдаи саволҳои мунаққидони Худ баромад, *яке аз китобдонон аз Ӯ пурсид, ки* муҳимтарини *ҳамаи фармудаҳо кадом аст*. Ин саволи софдилона ва ба дараҷаи муайян аз ҳама муҳимтарини ҳаётӣ буд. Аслан ӯ додани тасвияи мухтасари мақсади асосии мавҷудияти одамро хоҳиш менамуд.

**12,29** Дар ибтидо Исо «Шема», эълони имони дини яҳудиро аз Такрори Шариат 6,4 иқтибос овард: *«Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худованди ягона аст»*.

**12,30** Пас аз он Ӯ ҷавобгарии одамро дар назди Худо ҷамъбаст кард: Ӯро бо тамоми *дил, ҷон, хуш ва бо тамоми қувват дӯст дор*. Худо бояд дар зиндагии одам мавқеи баландтаринро ишғол намояд. Роҳ додан мумкин нест, ки ягон муҳаббати дигар бо муҳаббат ба Худо рақобат намояд.

**12,31** Қисми дуюми Даҳ Фармуда ба монанди худ дӯст доштани наздикони худро ба мо меомӯзад. Мо бояд Худоро нисбат ба худ зиёдтар дӯст дорем, наздикони худамонро бошад, ба монанди худамон дӯст дорем. Инак, маънои аслии зиндагӣ – ин пеш аз ҳама манфиатҳои Худо ва сипас аз они дигарон. Сухан дар бораи манфиатҳои моддӣ намеравад. Худо муҳим аст ва одамон ҳам муҳим ҳастанд.

**12,32-33** Китобдон аз тахти дил бо ин шарҳ розӣ шуд ва бо аниқии шоёни таҳсин тасдиқ намуд, ки *муҳаббат* ба Худо ва ба *наздикон* аз маросимҳо басе муҳимтар аст. Ӯ мефаҳмид, ки одамон, муқаддасии шахсӣ, дохилӣ надошта, маросимҳои диниро ба амал оварда ва ба дигарон диндории худро намоиш дода метавонанд. Ӯ эътироф намуд, ки Худо ҳам ба ҳолати дохилии одам ва ҳам ба рафтори ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд.

**12,34** Ин суханони аҷоибро шунида, *Исо* ба китобдон гуфт, ки ӯ *аз Подшоҳии Худо дур нест*. Тобеони ҳақиқии Подшоҳӣ бо диндории зоҳирӣ пинҳон шуда, Худоро, одамонро ё худро фиреб додани намешаванд. Онҳо мефаҳманд, ки Худо ба дил назар меандозад, ва

бинобар ин ба назди Ӯ меоянд, то аз гуноҳ пок шаванд ва барои бо ҳаёти ба Ӯ мақбул зистан қувват дошта бошанд.

Пас аз он *касе ҷуръат накард* ба Худованд бо саволҳои иғвогарона дом гузорад.

### З. Писари Довуд Худованди Довуд аст (12,35-37)

**12,35-37** *Китобдонон* ҳамеша таълим медоданд, ки Масеҳ аз насли *Довуд* мешавад. Ин ҳақиқат аст, аммо на ҳамаи ҳақиқат. Бинобар ин Худованд Исои Масеҳ ин саволи душворро ба одамоне ки дар атрофи Ӯ дар ҳавлии парастишгоҳ ҷамъ омада буданд, дод. Дар Забур 109,1 Довуд дар бораи Масеҳи оянда чун дар бораи *Худованди* худ сухан меронад. Ин чӣ гуна буда метавонад? Чӣ гуна Масеҳ дар як замон ҳам *Писари* Довуд ва ҳам *Худованди* ӯ шуда метавонист? Барои мо ҷавоб аниқ аст. Масеҳ – ҳам Одам, ҳам Худост. Чун *Писари Довуд* Ӯ Одам, чун *Худованди* Довуд Ӯ Худост.

*Ва мардуми бисёр суханони Ӯро бо хушнудӣ мешуниданд.* Эҳтимол, онҳо ин далелро қабул кардан мехостанд, ҳатто агар он ба онҳо пурра фаҳмо набошад ҳам. Аммо дар бораи фарисиён ва китобдонон чизе гуфта нашудааст. Хомӯшии онҳо шумхабарона аст.

### И. Огоҳонидан аз китобдонон (12,38-40)

**12,38-39** Диндории *китобдонон* зоҳирӣ буд. Онҳо *ҷомаҳои дароз* пӯшида гаштанро дӯст медоштанд. Ин онҳоро аз байни халқи одӣ ҷудо мекард ва ба онҳо намуди муқаддасиро медод. Ба онҳо маъқул буд, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ онҳоро бо унвонҳои шуҳратнок ном гирифта, салом диҳанд. Ин ба худхоҳии онҳо писанд меомад! Онҳо мекӯшиданд *дар куништҳо* ҷойҳои фахриро гиранд, гӯё ки ҷои ишғолкардаи онҳо ба диндорӣ ягон гуна муносибат дошта метавониста бошад. Онҳо на танҳо ба бартарияти динӣ мекӯшиданд, балки хоҳони фарқиятҳои иҷтимоӣ ҳам буданд. Онҳо *дар зиёфатҳо* ҳам *болонишин* шуданро мехостанд.

**12,40** Даруни онҳо бошад пур аз тамаъ ва риёкорӣ буд. Онҳо барои сарватманд шудани худ *бевазанонро* аз молу мулк ва воситаҳои мавҷудият маҳрум месохтанд, ва чунин вонамуд мекарданд, ки пулҳо барои Худованд лозиманд! Онҳо *дуоҳои дурудароз* мехонданд – дабдабанок, тумтароқ, пур аз ғурур, дуоҳо танҳо дар сухан. Ба ибораи дигар, ба онҳо ғайримуқаррарӣ будан (ҷомаҳои дароз), шуҳратмандӣ (саломгӯӣ), мавқеи намоён (ҷойҳои беҳтарин), бартарӣ (мавқеи беҳтарин), сарват (хонаҳои бевазанон), диндории сохта (дуоҳои тӯлонӣ) маъқул буданд.

### Й. Ду тангаи бевазан (12,41-44)

**12,41-44** Фидокории бевазан мухолифати барҷастае ба тамаъкории китобдонон буд. Онҳо хонаҳои бевазанонро «фурӯ мебурданд»; ӯ бошад *ҳар чи дошт,* барои Худованд дод. Ин ҳодиса ҳамадонии Худовандро нишон медиҳад. Ба *ганҷинаи* парастишгоҳ хайрияҳои хеле калон андохтани сарватмандонро дида, Ӯ медонист, ки он чи онҳо медиҳанд, қурбонӣ нест. Онҳо *аз зиёдатии худ доданд.* Инчунин медонист, ин ду тангае ки бевазан андохт, *тамоми рӯзии* ӯро дар бар мегирифт. Ӯ арз намуд, ки бевазан аз ҳамаи онҳое ки ба ганҷина пул андохтанд, *бештар* андохт. Дар ифодаи пулӣ вай хеле кам гузошт. Аммо Худованд хайрияро аз рӯи нияти мо, маблағи мо ва аз он ки мо ба худ чӣ қадар боқӣ гузоштем, баҳо медиҳад. Ин таҳсини бузург барои онҳоест, ки молу мулки моддии зиёд надоранд, аммо хоҳиши зиёди қурбонӣ кардан ба Худоро доранд.

Он чиз ба тааҷҷуб меоварад, ки мо ба бевазан мафтун шуда ва бо ақидаи Наҷотдиҳанда розӣ шуда метавонем, аммо ба ибрати ин зан тақлид намекунем! Агар мо дар ҳақиқат ба он боварӣ медоштем, ки аз рӯи гуфтаи худамон ба он боварӣ дорем, пас он чиро, ки ӯ кард, мо ҳам мекардем. Дар ин бахшиш вай ақидаи худро ифода намуд, ки ҳама чиз ба Худованд тааллуқ дорад, ва Ӯ сазовори ҳама чиз аст ва Ӯ бояд ҳама чиз дошта бошад. Алҳол масеҳиёни зиёд ин бевазанро танқид менамоянд, ки ӯ дар бораиояндаи худ ғамхорӣ накард. Оё рафтори ӯ далели набудани дурандешӣ ва боақлӣ аст? Аксарият бо ин розӣ хоҳанд шуд. Вале ҳастии имон дар ҳамин аст – ҳозир баҳри кори Худо ҳамаро додан ваояндаро ба Ӯ супурдан. Магар Ӯ дар бораи онҳое ки пеш аз ҳама Подшоҳии Худо ва росткории Ӯро меҷӯянд, ғамхорӣ намуданро ваъда надод (Мат. 6,33)?

Ин қатъӣ аст? Ин инқилобӣ аст? То мо набинем, ки таълимоти Масеҳ моҳиятан қатъӣ ва инқилобист, маънои асосии хизмати Ӯ ба мо фаҳмо намешавад.

## VI. НУТҚИ ХИЗМАТГОР ДАР КӮҲИ ЗАЙТУН (Б. 13)

### А. Исо вайрон карда шудани парастишгоҳро пешгӯӣ мекунад (13,1-2)

**13,1** Ҳангоме ки Худованд Исои Масеҳ бори охирин пеш аз марги Худ аз *ибодатгоҳ* мебаромад, *яке аз шогирдон* кӯшиш кард шавқи Ӯро ба бошукӯҳии ибодатгоҳ ва меъмории атроф ҷалб намояд. Диққати шогирдон бо дастовардҳои меъмории алоқаманд бо бино кардани сангҳои бузург банд буд.

**13,2** Наҷотдиҳанда гуфт, ки ҳамаи ин ба зудӣ хароб хоҳад шуд. Вақте ки лашкари румиён ба Уршалим дар соли 70-уми милодӣ зада медароянд, *дар ин ҷо санге бар санге намемонад*. Бо он чи фақат сояи гузаранда аст, саргарм шудан чӣ лозим аст?

### Б. Ибтидои мусибатҳо (13,3-8)

Дар нутқи Худ дар *кӯҳи Зайтун* Худованд таваҷҷуҳи шогирдонро ба ҳодисаи аз ин ҳам муҳимтар ҷалб намуд. Баъзе пешгӯиҳо, зоҳиран, ба харобшавии Уршалим дар соли 70-уми милодӣ дахл доранд; аксари онҳоро, эҳтимол, ба давраи хеле баъдина, ба давраи Мусибати бузург ва дар дар ҷисм бо қудрат ва ҷалол баргаштани Масеҳ бояд нисбат дод. Шиори масеҳиён, ки ба имондорони ҳамаи давраҳо қобили қабул мебошанд, бояд суханони зерин бошанд: 1) *ҳушёр ё барҳазар бошед* (оятҳои 5.23.33), 2) *натарсед* (ояти 7), 3) *сабр кунед* (ояти 13), 4) *дуо гӯед* (оятҳои 18.33), 5) *бедор бошед* (оятҳои 33.35.37).

**13,3-4** Нутқ аз саволи *Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва Андриёс* сар шуд. Парастишгоҳ *кай* хароб карда мешавад ва пеш аз ҳодисаи пешгӯишуда *чӣ гуна аломат* ба вуқӯъ меояд? Ҷавоби Худованд ба харобшавии парастишгоҳи баъдина дахл дошт, ки дар вақти Мусибати бузург, дар арафаи бори дуюм омадани Ӯ ба вуқӯъ хоҳад омад.

**13,5-6** Аввалан, онҳо бояд *ҳушёр бошанд, то ки ҳеҷ кас* онҳоро бо даъвои масеҳ буданаш *гумроҳ накунад*. Масеҳони зиёди бардурӯғ пайдо хоҳанд шуд, ва он бо пайдоиши дину оинҳои зиёд тасдиқ мешавад, ки дар ҳар кадоми онҳо зиддимасеҳ ҳаст.

**13,7-8** Сонияն, *ҷангҳо ва овозаҳои ҷангро* чун аломати охирзамон набояд шарҳ дод. Дар давоми тамоми давраи мобайнӣ низоъҳои байни миллатҳо ба миён меоянд. Дар зимни ин дар табиат фалокатҳои бузург – *заминҷунбиҳо, гуруснагиҳо, ноором иҳо* мушоҳида карда мешаванд. Ин ҳамагӣ танҳо дардҳои пеш аз зоидан мебошанд, ки дар бораи саршавии замони азобҳои фавқулода хабар медиҳанд.

### В. Таъқиб намудани шогирдон (13,9-13)

**13,9** Сеюм, Худованд пешгӯӣ намуд, ки онҳоеро, ки собитқадамона дар бораи Ӯ шаҳодат медиҳанд, санҷишҳои бузург интизоранд. Онҳоро ба маҳкамаҳои динӣ ва шаҳрвандӣ хоҳанд кашид.

Агарчи ин оятро ба ҳамаи давраҳои шаҳодати масеҳӣ нисбат додан мумкин аст, ба ҳар ҳол он ба таври махсус ба хизмати 140 000 имондорони яҳудӣ ишорат менамояд, ки онҳо дар арафаи ба тахт нишастани Масеҳ Инҷили Подшоҳиро ба тамоми халқҳои рӯи замин хоҳанд бурд.

**13,10** Ба ин оят такя намуда, таълим додан лозим нест, ки *Инҷил* бояд пеш аз болошавии ҷамоат *дар байни тамоми халқҳо мавъиза карда шавад*. Каломи Худоро дар тамоми дунё мавъиза намудан лозим аст ва он, эҳтимол, мавъиза карда хоҳад шуд. Аммо «вай *бояд* мавъиза карда шавад» гуфтан, яъне эълон кардани чунин як чизест, ки Навиштаи Муқаддас ба он ишорат намекунад. Ҳеҷ ягон пешгӯие вуҷуд надорад, ки бояд то дами барои муқаддасонаш омадани Масеҳ иҷро шавад; Ӯ ҳар лаҳза омада метавонад!

**13,11** Худованд ваъда дод, ки имондороне, ки барои номи Ӯ бо роҳи маҳкамавӣ таъқиб карда мешаванд, дар вақти ҳимоя аз Худо ёрӣ хоҳанд гирифт. Ба онҳо лозим нест, ки далелҳои худро пешакӣ фикр карда бароянд; эҳтимол, онҳо барои ин вақт нахоҳанд дошт. *Рӯҳулқудс* ба онҳо суханҳои заруриро медиҳад. Ин ваъдаро чун баҳона истифода бурдан

мумкин нест, ки имрӯз ба мавъиза ва инҷилшиносонӣ тайёрӣ надиданро иҷозат медода бошад. Вай гарави ёрии фавқулода дар замонҳои бисёр мушкил мебошад. Ин ваъда барои риёзаткашон аст, на барои мавъизагарон!

**13,12-13** Боз як нишонаи рӯзҳои мусибат: васеъ паҳн шудани хиёнат ба онҳое ки ба Наҷотдиҳанда содиқанд. Аъзоёни оила дар бораи хешу табори имондори худ хабаркашӣ мекунанд. Дунёро мавҷи бузурги ҳиссиёти зиддимасеҳӣ фаро мегирад. Барои ба Худованд Исои Масеҳ содиқ мондан далерӣ лозим мешавад; *ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот меёбад*. Ин маънои онро надорад, ки ӯ наҷоти абадиро барои устувории худ меёбад; ин таҳрифи хабари Инҷил мебуд. Ин онро ҳам ифода карда наметавонад, ки дар вақти Мусибати бузург масеҳиёни содиқ аз марги ҷисмонӣ халосӣ меёбанд, зеро ки мо дар ҳама ҷо мехонем, ки бисёриҳо шаҳодатро бо хуни худ тасдиқ хоҳанд кард. Ин, эҳтимол, онро ифода мекунад, ки то охир устувор будан чун далели ҳаққонияти наҷот хизмат хоҳад кард, яъне онҳоеро, ки дар ҳақиқат *наҷот ёфтаанд, тавсиф* хоҳад кард.

### Г. Мусибати бузург (13,14-23)

**13,14-18** Ояти 14 мобайни давраи мусибатҳоро, ибтидои мусибати *бузургро* хотиррасон менамояд. Мо ҷои додашударо бо *Дониёл* 9,27 муқоиса намуда, инро мефаҳмем. Дар ин вақт дар парастишгоҳи Уршалим бути калони манфурро мегузоранд. Одамонро дар зери таҳдиди марг ба парастиши он маҷбур хоҳанд кард. Имондорони ҳақиқӣ, албатта, рад хоҳанд кард.

Барқароркунии ин сурати бутпарастӣ аломате барои ибтидои таъқиботи бузург хоҳад буд. Хонандагони Навиштаи Муқаддас ва онҳое ки ба он эътиқод доранд, хоҳанд донист, ки вақти аз *Яҳудо* гурехтан расидааст. Онҳо барои ҷамъ кардани чизҳои шахсӣ ҳатто вақт ҳам нахоҳанд дошт. Занҳои *ҳомиладор* ва модарони *ширдор* дар ҳолати махсусан душвор хоҳанд монд. Агар гурехтан *зимистон* рӯй диҳад, пас хатар меафзояд.

**13,19** Ин давраи *мусибати* бузург хоҳад буд, ки мисли он ҳеҷ гоҳ дар гузашта рӯй надода буд ва дар оянда нахоҳад шуд. Ин мусибати бузург аст. Худованд Исои Масеҳ дар ин ҷо умуман оид ба мусибатҳое ки имондорони тамоми замонҳо ба онҳо дучор меоянд, намегӯяд. Ин давраи фавқулода амиқи мусибат мебошад.

Диққат намоед, ки мусибат асосан ба яҳудиён дахл хоҳад дошт. Мо дар бораи парастишгоҳ (ояти 14, муқоиса намоед Мат. 24,15) ва дар бораи Яҳудо мехонем (ояти 14). Ин замони тангӣ барои Яъқуб аст (Ирм. 30,7). Калисо дар ин ҷо дида намешавад. Он то ибтидои рӯзи Худованд ба осмон гирифта шудааст (1Тас. 4,13-18; муқоиса намоед бо 1Тас. 5,1-3).

**13,20** Дар он рӯзҳо ба ҷаҳон косаҳои қаҳру ғазаби Худо мерезанд. Ин рӯзҳои мусибат, бесарусомонӣ ва хунрезӣ хоҳад буд. Аслан куштор чунон оммавӣ хоҳад шуд, ки Худо ба тариқи фавқуттабиӣ давомнокии рӯзи равшанро кам мекунад; вагарна ҳеҷ кас зинда намемонд.

**13,21-22** Давраи мусибати бузург боз шоҳиди бархестани *масеҳони дурӯғин* мегардад. Мардум ба чунин навмедӣ меафтанд, ки ба ҳар касе ки ба онҳо бехатариро ваъда медиҳад, муроҷиат мекунанд. Вале имондорон бояд дар хотир дошта бошанд, ки Масеҳ ором ё бе огоҳонидан пайдо намешавад. Ҳатто агар ин *масеҳони дурӯғин* муъҷизаҳои фавқулода ба амал оваранд ҳам (ки онҳо ин корро мекунанд), *интихобшудагон* гумроҳ намешаванд. Онҳо мефаҳманд, ки ин муъҷизаҳо аз шайтон илҳом гирифтаанд.

Сарчашмаи муъҷизот на ҳамеша Худост. Муъҷизот дуршавии фавқулода ғайримуқаррарӣ аз қонунҳои маълуми табиат мебошанд, аммо онҳо кори шайтон, фариштаҳо ва девҳоро ифода карда метавонанд. «Одами бадкор» барои ба амал овардани муъҷиза аз шайтон қувват мегирад (2Тас. 2,9).

**13,23** Бинобар ин имондорон бояд *ҳушёр бошанд* ва огоҳиро дар ёд дошта бошанд.

### Ғ. Омадани дуюмбора (13,24-27)

**13,24-25** *Пас аз он мусибат* дар осмон вайрониҳои ваҳмнок ба амал меоянд. Торикӣ заминро рӯзу шаб фаро мегирад. *Ва ситорагон аз осмон фурӯ мерезанд ва қувваҳои осмон* (қувваҳое ки ҷирмҳои осмониро дар мадор нигоҳ медоранд) *ба ларза меоянд.*

**13,26-27** Пас аз он мардуми аз даҳшат моту мабҳутгашта *Писари Одамро* мебинанд, ки ба замин бармегардад, ин дафъа на чун Носирии фурӯтан, балки чун Ғолиби пурҷалол. Ӯ *бар абрҳо* ҳамроҳи фариштаҳои бешумор ва муқаддасони дигаргуншуда меояд. Ин манзараи қудрати ифоданашаванда ва ҷилои ҷалол мешавад. Ӯ фариштаҳои Худро фиристода, *интихобшудагони Худро гирд меоварад,* яъне онҳоеро, ки Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда дар давраи мусибатҳо эътироф менамуданд. Аз тамоми канорҳои замин – аз шимол то ҷануб, аз шарқ то ғарб – онҳо меоянд, то ки аз неъматҳои ҳукмронии ҳазорсолаи ҳайратовари Ӯ дар замин лаззат баранд. Аммо дар айни замон душманони Ӯ нест карда мешаванд.

## Д. Масал дар бораи дарахти анҷир (13,28-31)

**13,28** Дарахти анҷир – рамзи (ё тимсоли) халқи Исроил мебошад. Исо ин ҷо нишон дод, ки то бори дуюм омадани Ӯ шохаҳои дарахти анҷир *барг мекунанд.* Дар соли 1948 давлати мустақили Исроил ташкил карда шуд. Алҳол ин кишвар ба ҳодисаҳои ҷаҳонӣ нисбат ба андозаҳои худ хеле зиёдтар таъсир мерасонад. Дар бораи Исроил гуфтан мумкин аст, ки ӯ «барг мекунад». Ҳосил ҳоло нест; аслан то баргаштани Масеҳ ба назди халқе ки Ӯро қабул кардан мехоҳад, ҳосил намешавад.

**13,29** Ташаккул ва инкишофи давлати Исроил ба мо нишон медиҳад, ки Подшоҳ[15] *наздик аст, назди дар аст.* Агар соҳиби тахту тоҷ шудани Ӯ наздик бошад, пас омадани Ӯ барои Калисо ба чӣ андоза наздиктар аст!

**13,30** Аксаран ин оятро чунин мефаҳманд, ки ҳамаи он чи дар ин боб пешгӯӣ шудааст, дар вақти зиндагии одамоне ки Масеҳро дидаанд, ба вуқуъ меояд. Аммо чунин шарҳи оят хатост, зеро аксари ҳодисаҳо, махсусан он чи дар оятҳои 24-27 тасвир ёфтааст, дар он замон рӯй надоданд. Дигарон ин оятро ба *насле* нисбат медиҳанд, ки дар вақти барг баровардани дарахти анҷир зиндагӣ хоҳад кард, яъне насле ки дар замони он дар соли 1948 давлати Исроил таъсис ёфт, омадани дуюми Масеҳро мебинад. Мо нуқтаи назари сеюмро афзал медонем. *Ин насл* «ин нажоди одамон»-ро ифода карда метавонад. Мувофиқи ақидаи мо, ин калима «он қабилаи халқи яҳудӣ, ки бо беимонӣ ва рад кардани Масеҳ тавсиф карда мешавад»-ро ифода мекунад. Таърих дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки «ин насл» алҳол нагузаштааст. Халқи Исроил на танҳо чун миллати алоҳида зинда монд, балки душмании чуқур решагирифтаи худро нисбати Худованд Исои Масеҳ давом дод. Исо пешгӯӣ намуд, ки хусусиятҳои миллии ин халқ то бори дуюм омадани Ӯ тағйир нахоҳанд ёфт.

**13,31** Худованди мо дурустии мутлақи ҳар яке аз пешгӯиҳои Худро зикр намуд. *Осмони* атмосферӣ ва *осмони* пурситора *гузарон аст.* Худи *замин* нест карда мешавад. Вале ҳар як сухани гуфтаи Ӯ ба амал меояд.

## Е. Рӯзу соат номаълум аст (13,32-37)

**13,32** *Исо гуфт:* «Аммо он рӯз ва соатро, ғайр аз Падар, касе намедонад, на фариштагони осмон, на Писар». Хуб маълум аст, ки ин оятро душманони Инҷил чун исботи он истифода бурданд, ки Исо – ҳамагӣ танҳо одами ба мо монанд буд, ки дониши маҳдуд дошт. Инро ҳамчунин имондорони самимӣ, вале гумроҳ барои он истифода бурданд, то нишон диҳанд, ки Исо, вақте ки ба замин ба сурати Одам омад, аз хислатҳои илоҳии Худ маҳрум гашт.

Ҳеҷ яке аз ин тафсирҳо дуруст нест. Исо дар як вақт ҳам Худо, ҳам Одам буд ва ҳаст. Ӯ ҳамаи хислатҳои Худо ва ҳамаи хусусиятҳои Одами комилро доро буд. Дуруст аст, ки илоҳияти Ӯ дар бадани ҷисмонӣ пинҳон буд. Аммо, ба ҳар ҳол, он буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ, дар ягон лаҳза *пурра* Худо буданро бас накарда буд.

Пас он вақт чӣ хел гуфтан мумкин аст, ки Ӯ вақти бори дуюм омаданашро намедонад? Мо тахмин менамоем, ки ҷавоби ин саволро Юҳанно 15,15 медиҳад: «... банда намедонад хоҷааш чӣ мекунад». Чун Хизматгори комил, Худованд вақти омадани Худро намедонист (Юҳ. 12,50; 17,8). Чун Худо, Ӯ, албатта, дар ин бора медонист. Вале, чун ба Хизматгор, ба Ӯ донистани ин дода нашуда буд, то ки ба дигарон ошкор накунад. Ҷеймс Ҳ. Брукс инро чунин шарҳ медиҳад:

*Ин инкори ҳамадонии илоҳии Худованди мо намебошад, балки фақат тасдиқи он аст, ки ҳангоми ба ҷо овардани раҳоии инсоният кори Ӯ набуд, ки «вақт ва муҳлатҳоеро, ки*

*онро Падар бо ҳукми Худ муқаррар намудааст, бидонад» (Аъм. 1,7). Исо медонист, ки боз меояд ва дар бораи бори дуюм омаданаш ҳар замон мегуфт, вале муайян намудани санаи баргаштан ба хизмати Ӯ чун Писар дохил намешуд ва, яъне, Ӯ ба пайравони Худ ин саволро чун объекти интизории доимӣ ва хоҳиш гузошта*[16] *метавонист.*

**13,33-37** Ин боб бо огоҳонидан оид ба зарурати бедор будан ва, баргаштани Худовандро дар хотир дошта, дуо гуфтан ба итмом мерасад. Он далел, ки мо вақти муқарраршударо *намедонем,* бояд моро дар ҳолати бедорӣ нигоҳ дорад.

Чунин вазъият дар зиндагии ҳаррӯза ҳам муқаррарист. Одам аз хона ба сафари дурудароз меравад. Ӯ ба хизматгори худ дастурҳо медиҳад ва ба дарбон мефармояд, ки дар интизории баргаштани ӯ бедор бошад. Исо Худро бо одами ба роҳ баромадаистода монанд кард. Ӯ дар ҳар соати шаб баргашта метавонад. Ӯ одамони Худро, ки чун посбонони шаб хизмат мекунанд, набояд *хобида* ёбад. Бинобар ин ба ҳамаи халқи Худ Ӯ ин суханонро гузошт: *«Бедор бошед!»*

## VII. УҚУБАТҲО ВА МАРГИ ХИЗМАТГОР (Б. 14 ва 15)

### А. Суиқасди куштани Исо (14,1-2)

**14,1-2** Ин рӯзи чоршанбеи ҳамон ҳафтаи шум буд. Баъд аз *ду рӯз иди Песаҳ* бояд мешуд, ки оид ба ибтидои ҳафт рӯзи иди *Фатир* хабар медод. Пешвоёни динӣ қатъиян қарор дода буданд Худованд Исоро ҳалок намоянд, вале инро дар вақти идҳои динӣ кардан намехостанд, зеро аксари мардум ба ҳар ҳол Исоро пайғамбар меҳисобиданд.

Гарчанде *сардорони коҳинон ва китобдонон* қарор доданд *Ӯро на дар ид кушанд,* пешбинии илоҳӣ ба ҷои онҳо қарор қабул кард, ва Барраи Песаҳи Худо маҳз дар ҳамин вақт кушта шуд (ниг. Мат. 26,2).

### Б. Исо дар Байт-Анё равған молида мешавад (14,3-9)

Чунон ки заргар бриллиантро ба махмали сиёҳ ҷойгир мекунад, Рӯҳулқудс ва нависандаи заминии Ӯ Марқус дурахши муҳаббати занро ба Худованди мо дар заминаи суиқасди мудҳиши роҳбарони динӣ ва хиёнати Яҳудо устокорона таъкид намуданд.

**14,3** *Шимъуни махавӣ* ба шарафи Наҷотдиҳанда зиёфат ташкил намуд, эҳтимол, баҳри сипосгузорӣ барои шифоёбӣ. Зани номаш зикрнагашта (эҳтимол, Марям аз Байт-Анё, Юҳ. 12,3) *ба сари* Ӯ равғани атрафшони гаронбаҳоро фаровон рехт. Муҳаббати ӯ ба Исо чӣ гуна бузург буд!

**14,4-5** *Баъзе* меҳмонон фикр карданд, ки ин исрофкории аз ҳад берун буд. Вай рафтори беақлона кард ва зарари зиёде кашид. Чаро ӯ равғани атрафшонро *нафурӯхт* ва ба *камбағалон* пулҳоро *тақсим* накард? *(Сесад динор* маоши солонаро ташкил медод.) Одамон ҳозир ҳам фикр мекунанд, ки ба Худованд додани як соли зиндагӣ – исрофкорист. Онҳо ба Худованд бахшидани тамоми зиндагии худро то чӣ андоза исрофкории бузургтар ҳисобида метавонистанд!

**14,6-8** *Исо* шикоят карданро ба онҳо манъ намуд. Зан имконияти неки худ – ба Наҷотдиҳанда арзи эҳтиром намуданро – истифода бурд. Агар онҳо дар бораи мискинон чунин ғамхорӣ мекарда бошанд, пас онҳо ҳамеша имконияти ёрӣ додан ба онҳоро хоҳанд дошт, зеро *мискинон ҳар вақт дар назди шумо ҳастанд.* Аммо Худованд ба зудӣ мемирад ва дафн карда мешавад. Ин зан муҳаббати худро дар вақте ки метавонист, нишон дод. Шояд, вай нисбати *бадани* Ӯ пас аз маргаш ғамхорӣ карда наметавонад, бинобар ин вай дар вақти зинда будани Ӯ муҳаббати худро исбот намуд.

**14,9** Накҳати ин атриёт ба насли мо ҳам расид. Исо гуфт, ки ин занро дар тамоми ҷаҳон ёдоварӣ хоҳанд кард. Вайро ёдоварӣ мекунанд – ба шарофати зикр дар Инҷилҳо.

### В. Хиёнати Яҳудо (14,10-11)

**14,10-11** Зан ба Наҷотдиҳанда баҳои баланд медод. Бар хилофи вай *Яҳудо,* ки бо Худованд Исои Масеҳ камаш як сол зиндагӣ кард ва ба ғайр аз лутфу марҳамат аз Ӯ чизи дигаре нагирифта буд, Ӯро қадр намекард. Ҳозир ӯ ба назди саркоҳинон рафт ва онҳоро бовар кунонд, ки ӯ Писари Худоро ба онҳо *таслим мекунад.* Онҳо бо хушнудӣ пешниҳоди ӯро қабул

намуданд ва барои хиёнати ӯ музд доданро ваъда карданд. Акнун ҷузъиётро андешидан мемонд.

### Г. Тайёрӣ ба Песаҳ (14,12-16)

**14,12-16** Ҳарчанд оид ба аниқии пайдарҳамии ҳодисаҳо шубҳае ҳаст, мо, эҳтимол, ҳозир ба рӯзи панҷшанбеи ҳафтаи Песаҳ расидем. Аз эҳтимол дур аст, ки шогирдон фаҳмида бошанд, ки ин Песаҳ иҷрошавӣ ва нуқтаи авҷи ҳамаи идҳои Песаҳ мегардад. Онҳо аз Худованд пурсиданд, ки Ӯ ба онҳо дар куҷо гузаронидани иди *Песаҳро* нишон медиҳад. Ӯ онҳоро ба Уршалим *фиристода* дастур дод, то *мардеро* ёбанд, ки *кӯзаи обро бардошта мебарад,* – манзараи ғайримаъмулӣ, зеро одатан кӯзаҳоро занон мебардоштанд. Ин одам онҳоро ба хонаи даркорӣ мебарад. Баъд онҳо бояд аз соҳиби хона хоҳиш намоянд, то хонаеро нишон диҳад, ки дар он *Устод Песаҳро бо шогирдони* Худ *хӯрда* тавонанд.

Мушоҳида кардан ҷолиб аст, ки Худованд чӣ гуна интихоб ва фармонравоӣ мекунад. Ӯ чун Ҳокими мутлақи одамон ва моликият амал мекунад. Ҳамчунин дидани дилҳои мушфиқ, ки худро ва моликияти худро ба ихтиёри Ӯ медиҳанд, хеле хуб аст. Барои мо неъмати бузургест, агар бо камоли майл Ӯро ба ҳар як ҳуҷраи ҳаётамон роҳ диҳем!

### Ғ. Исо пешгӯӣ мекунад, ки таслим карда хоҳад шуд (14,17-21)

**14,17-21** Дар худи ҳамон *бегоҳ* Исо ба болохонаи тайёркардашуда *бо он дувоздаҳ омад. Ҳангоме ки* онҳо нишаста *хӯрок мехӯрданд, Исо* эълон намуд, ки *яке аз* шогирдон Ӯро *таслим мекунад*. Ҳамаи онҳо вайронии табиати худро эътироф намуданд. Бо нобоварии солим ҳар кадоме аз худ мепурсиданд, ки оё ӯ гунаҳкор аст. Пас аз он Исо хиёнаткорро чун шахсе ошкор кард, ки бо Ӯ нонро дар қайлаи гӯштӣ тар мекунад, – яъне касе ки Ӯ барояш нон дод. Исо гуфт, ки чуноне пешгӯӣ карда шудааст, *Писари Одам* ба сӯи марги Худ меравад, вале ҳалокати таслимкунандаи Ӯ даҳшатнок хоҳад буд. Аслан *барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд намешуд*.

### Д. Шоми аввалини Худованд (14,22-26)

**14,22-25** *Нонро* гирифта, Яҳудо ба шаб рафт (Юҳ. 13,30). Он гоҳ Исо он чиро, ки ба мо чун Шоми Худованд маълум аст, таъсис дод. Аҳамияти олидараҷаи он дар се сухан аст: 1) Ӯ *гирифт* – симои одамиро ба Худ гирифт; 2) *пора кард* – Ӯ мебоист дар салиб пора мешуд; 3) *дод* – Худро барои мо супурд.

*Нон Бадани* Ӯро ифода мекунад, ки дода мешавад, *коса – Хуни* рехтаи Ӯро. *Бо Хуни* Худ Ӯ *Аҳди Навро* тасдиқ кард. Барои Ӯ дигар то ба замин баргаштан ва барқарор намудани *Подшоҳии* Худ иде нахоҳад буд.

**14,26** Сипас онҳо ҳамду сано хонданд – эҳтимол, порчае аз «Ҳалели бузург» (Забур 112-117). Баъд онҳо аз Уршалим ба воситаи Қидрӯн *ба кӯҳи Зайтун* баромаданд.

### Е. Худбоварии Петрус (14,27-31)

**14,27-28** Дар роҳ Наҷотдиҳанда шогирдонро огоҳӣ дод, ки дар соатҳои оянда *ҳамаи* онҳо аз Ӯ шарм хоҳанд дошт ва аз эътироф намудани пайравони Ӯ будан хоҳанд тарсид. Пешгӯии Закарё ба амал хоҳад омад: *чӯпон* кушта мешавад, *гӯсфандони* Ӯ бошанд *пароканда мешаванд* (Зак. 13,7). Вале, аз рӯи лутфу марҳамати Худ, Ӯ онҳоро бовар кунонд, ки онҳоро тарк нахоҳад кард. Пас аз растохези Худ аз мурдагон Ӯ онҳоро дар *Ҷалил* интизор хоҳад шуд.

**14,29-30** *Петрус* ба андеша дар бораи рӯ гардондан аз Худованд эътироз намуд. Шояд, дигарон рӯ гардонанд, вале ӯ – ҳеҷ гоҳ! Исо «ҳеҷ гоҳ»-и ӯро бо «ба зудӣ» ислоҳ намуд. *Пеш аз он ки хурӯс ду бор бонг занад,* Петрус Наҷотдиҳандаашро *се бор* инкор мекунад.

**14,31** «Ин сафсата аст», – хитоб намуд Петрус. «Ман ба мурдан розӣ мешавам, вале аз Ту рӯ намегардонам!» Танҳо як худи Петрус набуд, ки ин тавр бо мағал худситоӣ мекард. *Ҳама* ҳамин гуна саросемавор ва худбоварона сухан меронданд. Биёед ҳамеша инро дар хотир дошта бошем, зеро мо аз онҳо ҳеҷ фарқе надорем. Мо дар бораи тарсончакӣ ва заифии дилҳоямон бояд донем.

## Ё. Мубориза дар Ҷатсамонӣ (14,32-42)

**14,32** Заминро торикӣ фаро гирифт. Шаби панҷшанбе ба субҳи ҷумъа мегузашт. Ҳангоме ки онҳо ба мавзеи девор кашидашудае омаданд, ки *Ҷатсамонӣ ном дошт,* Исо ҳашт нафар шогирдро дар даромадгоҳ гузошт.

**14,33-34** Ӯ ба даруни боғ *Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро бо Худ бурд*. Дар он ҷо дар хусуси ба хотири мо қурбон кардани Худ (ки бояд ба наздикӣ воқеъ мешуд), дуо гуфта, Ӯ дар ҷони қуддуси Худ вазнинии тоқатфарсоро аз сар гузаронид. Мо дарк карда наметавонем, ки ба хотири мо гуноҳкор шудани Исои бегуноҳ барояш чӣ маъно дошт. Ӯ се шогирдро гузошта, ба онҳо фармуд, ки он ҷо *шинанд* ва бедор истанд. Ӯ *каме* ба дарунтари боғ *рафт* – танҳо. Ҳамчунин ба салиб ҳам Ӯ танҳо меравад ва ҷазои даҳшатноки Худоро барои гуноҳҳои мо мекашад.

**14,35** Бо ҳайрат ва даҳшат мо мебинем, ки чӣ хел Худованд Исои Масеҳ, ба Худо дуо гуфта, ба замин афтид. Оё Ӯ иҷозати ба салиб нарафтанро мепурсид? Асло не, охир Ӯ ба дунё бо ҳамин мақсад омад. Пеш аз ҳама Ӯ *дуо мегуфт, ки агар мумкин бошад, он соат аз Ӯ гузарад*. Агар ба ҷои марг, дафн ва растохези Ӯ ягон воситаи дигари наҷот додани гуноҳкорон бошад, пас бигзор Худо роҳ нишон диҳад. Осмон хомӯш буд. Роҳи дигаре набуд, то мо раҳоӣ ба даст оварем.

**14,36** Ва боз Ӯ дуо мегуфт: *«Аббо, Падар! Ҳама чиз ба Ту мумкин аст; ин косаро аз Ман гузарон; лекин на хости Ман, балки хости Ту шавад»*. Таваҷҷуҳ намоед, ки Ӯ ба Худо чун ба *Падари* дӯстдоштаи Худ, ки *ҳама чиз* ба Ӯ *мумкин аст,* муроҷиат намуд. Ин ҷо масъала аз имконияти ҷисмонӣ дида бештар оид ба имконияти ахлоқист. Оё Падари пуриқтидор ягон асоси одилонаи дигар ёфта метавонист, ки дар асоси он гуноҳкорони нопокро наҷот дода тавонад? Хомӯшии осмон нишон дод, ки роҳи дигар нест. Хуни Писари қуддуси Худо бояд рехта мешуд, то ки гуноҳкорон аз гуноҳ озод шаванд!

**14,37-40** Ба назди он се шогирд баргашта, Ӯ *онҳоро хобида ёфт* – шарҳи ғамангези табиати вайроншудаи одамӣ. Исо Петрусро огоҳ менамояд, то ӯ дар ин *соати* хатарнок нахобад. Ба қарибӣ Петрус аз устувории худ худситоӣ менамуд. Ҳозир бошад ӯ ҳатто бе хоб нишаста наметавонист. Агар одам дар давоми як *соат* дуо гуфта натавонад, пас аз ақл берун аст, ки ӯ дар лаҳзаи фишори фавқулода ба санҷиш тоб оварда тавонад. Новобаста ба он ки рӯҳи ӯ чӣ гуна пуршавқ аст, ӯ заифии ҷисми худро ба назари эътибор бояд гирад.

**14,41-42** Худованд се маротиба баргашта, боз шогирдони Худро хобида меёфт. Баъд Ӯ гуфт: *«Шумо ҳанӯз мехобед ва истироҳат мекунед? Соат расидааст; инак, Писари Одам ба дасти гуноҳкорон супурда мешавад»*. Бо ин суханон онҳо бархестанд, то ки ба пеш раванд. Вале ба онҳо лозим наомад, ки дур раванд.

## Ж. Исо таслим ва дастгир карда мешавад (14,43-52)

**14,43** Ба боғ аллакай *Яҳудо* бо гурӯҳи одамони мусаллаҳ ворид шуд. Онҳо бо *шамшеру калтакҳо* омаданд, гӯё ки барои дастгир намудани ҷинояткори хатарнок ҷамъ омада бошанд.

**14,44-45** *Таслимкунандаи Ӯ* ишорате ба онҳо кард. Ӯ Онеро *бӯсид,* ки онҳо бояд *дастгир* кунанд. Инак, Яҳудо ба Исо наздик шуд, Ӯро «Устод» номид ва Ӯро *бӯсид*. (Шакли ташдидӣ дар нусхаи асл бӯсидани бисёркарата ё намоишкоронаро дар назар дорад.) Чаро Яҳудо Худовандро таслим намуд? Оё ӯ ноумед шуда буд, ки Исо сарварии мамлакатро ба дасти Худ нагирифт? Ё ин ки умедҳои ӯ дар хусуси ҷои имтиёзнок дар Подшоҳӣ барҳам хӯрданд? Ё хасисӣ ғалаба кард? Ҳамаи ин метавонист ӯро ба кирдори бевиҷдонона оварад.

**14,46-50** Шарикони мусаллаҳи хиёнаткор наздик омаданд ва Худовандро дастгир намуданд. Петрус тез *шамшери худро кашида, ба ғуломи саркоҳин зад ва як гӯши вайро бурид*. Ин аксуламали ҷисмонӣ буд, на рӯҳонӣ. Петрус силоҳи ҷисмониро барои мубориза дар ҷанги рӯҳонӣ истифода бурд. Чунон ки мо дар Луқо 22,51 ва Юҳанно 18,11 мехонем, Худованд Петрусро сарзаниш кард ва ба таври муъҷизаосо гӯшро барқарор намуд. Сипас Исо ба онҳое ки Ӯро дастгир карданд, ёдрас кард, ки омада Ӯро бо зӯрӣ дастгир кардани онҳо чӣ хел бемаънӣ буд! Ӯ *ҳар рӯз* бо онҳо *дар ибодатгоҳ буд ва таълим медод*. Чаро онҳо он вақт Ӯро дастгир накарданд? Ӯ ҷавоброь медонист. *Бояд Навиштаҳо ба амал оянд*. Дар онҳо пешгӯӣ шуда буд, ки Ӯ бояд таслим карда шавад (Заб. 40,10),

дастгир карда шавад (Иш. 53,7), зада шавад (Заб. 21,13) ва тарк карда шавад (Зак. 13,7).

**14,51-52** Марқус ягона муаттиби Инҷил мебошад, ки ин ҳодисаро тасвир менамояд. Ақидае васеъ паҳн гаштааст, ки худи Марқус ҳамон *ҷавоне* буд, ки дар вақти саросемавор гурехтан болопӯши худро дар дасти одамони мусаллаҳ гузошт. Болопӯши ӯ, ки аз порчаи катон иборат буд, либоси муқаррарӣ набуд, балки порчаи матое буд, ки ӯ чун болопӯши зуд тайёр кардашуда бо худ гирифта буд.

Эрдман шарҳ медиҳад: «Эҳтимол, ин ҳодисаи рангин барои нишон додани он илова карда шудааст, ки Исо дар соатҳои уқубатҳо ва дарди Худ пурра танҳо гузошта шуда буд. Ӯ чӣ будани дар танҳоӣ азоб кашиданро аниқ медонист».

### З. Исо дар ҳузури саркоҳин (14,53-54)

Сабти ин тафтишоти доварӣ аз ояти 53 то 15,1 давом мекунад ва ба се қисм тақсим мешавад: 1) бозпурсӣ дар назди саркоҳин (оятҳои 53.54); 2) ҷамъомади нисфишабии шӯрои пирон (оятҳои 55-65); 3) маҷлиси бомдодии шӯрои пирон (15,1).

**14,53** Аз тарафи ҳама эътироф карда шудааст, ки ин ҷо Марқус доварии назди Қаёфоро тасвир менамояд. Доварии назди Ҳононро дар Юҳанно 18,13.19-24 дарёфт намудан мумкин аст.

**14,54** *Петрус* масофаи бехатарро интихоб намуда, аз пайи Худованд Исо то *ҳавлии даруни саркоҳин* равона шуд. Касе нақшаи зерини фурӯ ғалтидани ӯро мухтасар тасвир намудааст:

1. Аввал ӯ мубориза бурд – ҷидду ҷаҳди худро ба тарафи нодуруст равона кард.
2. Баъд ӯ гурехт – буздилона аз Устод даст кашид.
3. Ниҳоят, ӯ аз дур аз пайи Исо равона шуд – шогирдии дудилаи шабонгоҳ.

*Ӯ дар назди оташ* бо хизматгорон *нишаст* ва бо душманони Худованди Худ гарм шуд.

### И. Исо дар назди шӯрои пирон (14,55-65)

**14,55-59** Ҳарчанд ин ҷо аниқ гуфта нашудааст, ояти 55, аз афташ, тасвири ҷамъомади нисфишабии шӯрои пиронро сар мекунад. Ин ташкилот, ки аз ҳафтоду як сардори динӣ иборат буд, тахти раёсати саркоҳин ҷамъ омад. Дар ин шаби ғайриодӣ фарисиён, саддуқиён, китобдонон ва пироне ки ба ҳайати шӯрои пирон дохил буданд, ба қоидаҳое ки мувофиқи онҳо бояд амал мекарданд, беэътиноии қатъӣ зоҳир намуданд. Онҳо намебоист шабона ё ҳангоми иди яҳудиён маҷлис мегузарониданд. Мумкин набуд, ки онҳо барои ба даст овардани шаҳодати бардурӯғ шоҳидонро харида гиранд. То ба анҷом расидани шаб ҳукми қатл баровардан мумкин набуд. Агар онҳо дар толори сангҳои Кандакорӣ ҷамъ намеомаданд, ҳукми онҳо беэътибор ба ҳисоб мерафт.

Ҳарчи зудтар кори Худовандро яктарафа кардан хоста, роҳбарони динӣ, фикр накарда, қонунҳои худро вайрон карданд. Бо саъю кӯшиш онҳо гурӯҳи шоҳидони *бардурӯғро* ҷамъ оварданд, вале гувоҳии мутобиқ кардашударо ба даст овардан барояшон муяссар нашуд. Касе суханони Худовандро – *ин ибодатхонаи бо дасти одам сохташударо вайрон* карда, *дар се рӯз дигареро, ки бо дасти одам сохта нашуда бошад, бино* карданро – чун таҳдид нишон дод. Суханони аслии Исо дар Юҳанно 2,19 навишта шудаанд. Шоҳидон қасдан парастишгоҳи Уршалимро бо парастишгоҳи бадани Ӯ омехта карданд.

**14,60-62** Ба саволи якуми *саркоҳин* Исо ҷавоб надод. Вале ҳангоме аз Ӯ қасам дода пурсиданд (Мат. 26,63), ки оё Ӯ дар ҳақиқат Масеҳ, *Писари Худои Муборак* ҳаст, Наҷотдиҳанда мувофиқи Ибодат 5,1 амал намуда «бале» ҷавоб дод. Баъд аз он, гӯё ки барои бартараф намудани ҳар гуна шубҳа дар бораи Худ, Худованд Исо ба саркоҳин гуфт, ки ӯ *Писари Одамро ... ки* аз дасти рости Қудрат нишаста, *бо абрҳои осмон меояд,* хоҳад дид. Бо худи ҳамин Ӯ онро дар назар дошт, ки ҳангоме ки Ӯ чун Худо ҳозир мешавад, саркоҳин Ӯро кушоду равшан хоҳад дид. Дар вақти омадани аввалини Исо ҷалоли илоҳии Ӯ дар ҷисми одамӣ ниҳон буд. Вале ҳангоме ки Ӯ аз нав бо қудрат ва ҷалоли азим меояд, парда гирифта хоҳад шуд ва ҳар кас аниқ хоҳад донист, ки Ӯ Кист.

**14,63-64** *Саркоҳин* фаҳмид, ки Исо чиро дар назар дошт. Ӯ ба аломати ғазаби одилона бар зидди *куфри* тахминшаванда *ҷомаи худро даронд.* Исроилие ки мебоист беш аз ҳама ба эътироф ва қабули Масеҳ тайёр мебуд, дар

бораи маҳкум намудани Ӯ аз ҳама баландтар дод мезад. Вале ӯ танҳо набуд: тамоми шӯрои пирон[17] бо вай розӣ шуд, ки Исо куфр гуфт ва *Ӯро сазовори марг донистанд.*

**14,65** Пас аз он саҳнаи бениҳоят зишт ба амал омад. Баъзе аъзоёни шӯрои пирон *ба* Писари Худо *туф кардан гирифтанд ва рӯяшро пӯшида,* талаб мекарданд, ки Ӯ номи озордиҳандагони Худро гӯяд. Қариб ғайриимкон аст, ки Наҷотдиҳандаи сазовори ҷалол мебоист ба чунин ҳамлаҳои гуноҳкорон гирифтор мебуд. *Хизматгорон* (полиси парастишгоҳ) ба дастаи умумии таҳқиркунӣ ҳамроҳ шуданд ва ба рӯи Ӯ *торсакӣ мезаданд.*

## Й. Петрус Исоро инкор мекунад ва бо алам гиря мекунад (14,66-72)

**14,66-68** *Петрус дар поён дар рӯи ҳавлӣ* интизор буд. *Яке аз канизони саркоҳин* аз назди ӯ мегузашт. Вай бо диққат ба ӯ нигоҳ кард ва баъд дар он айбдор кард, ки ӯ пайрави *Исои Носирӣ аст.* Шогирди ношуд чунин вонамуд кард, гӯё комилан намефаҳмад, ки ӯ оид ба чӣ гап мезанад ва баъд ба ҳавлии берун гузашт. Дар ин вақт *хурӯс бонг зад.* Ин лаҳзаи хеле ногувор буд. Гуноҳ хироҷи даҳшатноки худро мегирифт.

**14,69-70** Каниз *бори дигар вайро дида,* ба ӯ чун ба шогирди Исо ишорат намуд. Петрус бори дигар хунсардона инкор намуд, эҳтимол, фикр мекард, ки агар одамон ӯро ором мегузоштанд, беҳтар мебуд. Баъд ким- кадом одамон ба Петрус гуфтанд: *«Ба ростӣ ту яке аз онҳо мебошӣ; зеро ту ҷалилӣ ҳастӣ ва лаҳҷаи ту ҳамон хел аст».*

**14,71-72** Петрус ба савганду қасам хӯрдан оғоз намуд ва изҳор намуд, ки *он Одамро намешиносад.* Ҳамин ки ин суханон аз даҳони ӯ баромаданд, ҳамон дам *хурӯс бори дуюм бонг зад.* Чунин менамуд, ки табиат ба ҳамин тариқ бар зидди дурӯғи буздилона эътироз баён мекард. Петрус якбора фаҳмид, ки пешгӯии Худованд рӯй дод. Ӯ ғамгин шуд ва *гирист.* Ҷолиби диққат аст, ки дар бораи инкор кардани Петрус ҳамаи чаҳор Инҷил менависанд. Ҳамаи мо бояд дарси ибрат гирем, ки худбоварӣ ба хорӣ мебарад. Мо бояд на ба худ, балки пурра ба қувваи Худо умед бастанро омӯзем.

## Й. Маҷлиси бомдодии шӯрои пирон (15,1)

**15,1** Ин оят маҷлиси *бомдодии* шӯрои пиронро тасвир менамояд, ки он, эҳтимол, барои он ҷамъ омад, то он чиро, ки шаби гузашта ғайриқонунӣ рӯй дод, қонунӣ кунад. Дар натиҷа Исоро *баста* ба назди *Пилотус,* волии румӣ дар Фаластин, burданд.

## К. Исо дар ҳузури Пилотус (15,2-5)

**15,2** То ин вақт Исо дар назди доварии пешвоёни динӣ меистод, ки Ӯро дар куфр гунаҳкор мекарданд. Акнун бошад Ӯро ба доварии шаҳрвандӣ burданд ва дар хиёнат айбдор намуданд. Мурофиаи шаҳрвандӣ дар се давра мегузашт – аввал дар ҳузури Пилотус, баъд дар ҳузури Ҳиродус ва, ниҳоят, аз нав дар ҳузури Пилотус.

*Пилотус пурсид,* ки оё Худованд Исо *Подшоҳи яҳудиён* аст. Агар ҳа, пас, Ӯ сарнагун намудани ҳокимияти қайсарро ният кард ва аз сабаби ин дар хиёнат гунаҳкор буд.

**15,3-5** *Саркоҳинон* ба Исо миқдори зиёди айбномаҳоро бор карданд. Пилотус дар назди чунин айбномаҳои зиёд ба худ омада наметавонист. Ӯ аз Исо пурсид, чаро Ӯ ба ҳимояи Худ ҳеҷ чиз намегӯяд, вале Исо ба айбдоркунандагони Худ ҷавоб доданро рад намуд.

## Қ. Исо ё Бараббо? (15,6-15)

**15,6-8** Ҳокими румӣ ба муносибати иди Песаҳ одат дошт *як бандӣ* – яҳудиро ҷавоб диҳад – ин як навъ садақаи сиёсӣ ба халқи бадбахт буд. Бандии барои ин интихобшуда *Бараббои* дар *шӯриш* ва *куштор* айбдор буд. Вақте Пилотус, саркоҳинони пурҳасадро таъна заданӣ шуда, *озод кардани* Исоро пешниҳод намуд, онҳо мардумро барангехтанд, то онҳо талаб кунанд, ки Бараббо озод карда шавад. Худи ҳамон шахсоне ки Исоро дар хиёнат бар зидди қайсар гунаҳкор карда буданд, ҷавоб додани одамеро хоҳиш мекарданд, ки дар ҳақиқат дар ин ҷиноят гунаҳкор буд! Мавқеи саркоҳинон бемаъно ва даҳшатнок аст, вале гуноҳ чунин аст. Онҳо, асосан, ба шуҳрати Ӯ ҳасад мебурданд.

**15,9-14** Пилотус пурсид, ки ӯ бо Он Шахсе ки худро *Подшоҳи яҳудиён* меномад, чӣ кор кунад. Мардум бехудона фарёд мезаданд: «*Ӯро ба салиб каш*». Пилотус номбар намудани сабабро талаб намуд, вале сабаб набуд. Тӯдаи мардум ба изтироб омад. Онҳо танҳо як чизро фарёд зада метавонистанд: «*Ӯро ба салиб каш!*»

**15,15** Ҳамин тариқ, Пилотуси беирода он чиро, ки онҳо мехостанд, кард, – *Барабборо барои онҳо озод кард* ва фармуд, ки Исоро зананд ва Ӯро ба сарбозон барои ба салиб кашидан супурд. Ин ҳукми аз ҷиҳати беинсофии худ мудҳиш буд. Вале ба ҳар ҳол дар он оид ба раҳоии мо рамз ҳаст: Бегуноҳ ба марг фиристода шуд, то ки гунаҳкор озодӣ аз ҷазо ба даст оварда тавонад.

## Л. Сарбозон ба Хизматгори Худо тамасхур мекунанд (15,16-21)

**15,16-19** *Сарбозон* Исоро *ба даруни ҳавлии* қароргоҳи ҳоким *бурданд. Тамоми фавҷро гирд оварда,* онҳо тоҷгузории масхаракунандаи Подшоҳи яҳудиёнро ташкил карданд. Кошки онҳо медонистанд! Дар назди онҳо Писари Худо меистод, онҳо бошанд *ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшонданд*. Онҳо ба сари Офаридгори худ чанбаре аз *хор* чун тоҷ ниҳоданд. Онҳо тамасхур менамуданд ва Парвардигори дунёро *Подшоҳи яҳудиён* меномиданд. Онҳо Худованди ҳаёт ва ҷалолро *бар сараш мезаданд*. Онҳо ба Мири осоиштагӣ *туф мекарданд*. Онҳо масхарабозона дар назди Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон зону зада таъзим мекарданд.

**15,20-21** Ин истеҳзоҳои дағалонаро ба охир расонида, онҳо аз нав *ба Ӯ либоси худашро пӯшонданд ва Ӯро берун бурданд, то ба салиб кашанд*. Марқус ин ҷо ёдрас мекунад, ки сарбозон *Шимъӯни* раҳгузарро аз Қурин (дар Африқои Шимолӣ) фармуданд, ки *салиби Ӯро* бардорад. Ӯ зангӣ буда метавонист, вале, дурусттараш, яҳудии юнонӣ буд. Ӯ ду писар дошт: *Искандар ва Руфус,* эҳтимол, имондор (агар ин ҳамон Руфус бошад, ки дар Рум. 16,13 зикр мешавад). Ин лавҳа нишон медиҳад, ки чӣ бояд моро чун шогирдони Наҷотдиҳанда тавсиф намояд – бардошта бурдани салиб аз пайи Исо!

## М. Маслубкунӣ (15,22-32)

Рӯҳи Худо маслубкуниро одӣ ва хунсардона тасвир менамояд. Ӯ дар бераҳмии ғайриодии ин тарзи қатл ё дар уқубатҳои даҳшатноке ки ин қатл боиси он мешавад, таваққуф наменамояд.

Ҷои аниқи Ҷолҷолто имрӯз номаълум аст. Ҳарчанд ҷои анъанавие ки дар он калисои Қабри Муқаддас бино шудааст, дар дохили деворҳои шаҳр воқеъ аст, муҳофизони он тасдиқ менамоянд, ки дар замонҳои Масеҳ он берун аз деворҳои шаҳр буд. Дигар ҷои тахминӣ – «Ҷолҷолтои Гордон» мебошад, ки шимолтар аз деворҳои шаҳр ва ба боғҳо ҳамшафат воқеъ аст.

**15,22** *Ҷолҷолто* – калимаи арамӣ буда, маъноаш «косахонаи сар» аст. Эҳтимол, ин ҷой шакли косахонаи сарро дошт ё чунин номро барои он қабул намуд, ки дар ин ҷой қатл ба амал оварда мешуд.

**15,23** Сарбозон ба Исо *майи бо мур омехтаро* пешниҳод намуданд. Ин омехта чун доруе таъсир мекард, ки ҳушро суст мекунад. *Ӯ* онро *қабул накард,* зеро қарор дода буд, ки гуноҳҳои одамиро бошуурона дарк намуда бардорад.

**15,24** Сарбозон барои либосҳои онҳое ки маслуб карда шуданд, қуръапартоӣ карданд. Либосе ки онҳо аз Наҷотдиҳанда гирифтанд, қариб тамоми моликияти моддии Ӯро ташкил мекарданд.

**15,25-28** Вақте ки *Ӯро маслуб карданд,* соат нӯҳи саҳар *буд*. Дар болои сари Ӯ чунин навиштаҷотро ҷойгир намуданд: «*ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН*». (Марқус навиштаҷотро пурра намеорад, балки бо мазмуни он қаноат мекунад; ниг. Мат. 27,37; Луқ. 23,38; Юҳ. 9,19.) Бо Ӯ *ду роҳзанро* ба салиб кашиданд, яктоӣ аз ҳар як тараф, – айнан мувофиқи пешгӯӣ дар Ишаъё, ки дар марги Худ Ӯ ба қатори ҷинояткорон дохил карда мешавад (Иш. 53,12).

**15,29-30** Худованд Исоро раҳгузарон (ояти 29.30), *саркоҳинон* ва *китобдонон* (ояти 31.32) ва ҳар ду роҳзан (ояти 32) дашном медоданд.

Раҳгузарон, эҳтимол, яҳудиёни ба шаҳр рафтаистода буданд, ки иди Песаҳро дар он ҷо ҷашн гирифтанӣ буданд. Онҳо берун аз шаҳр ист мекарданд, то Барраи Песаҳро таҳқир намоянд. Онҳо суханони Ӯро чун таҳдиди

вайрон кардани *ибодатхонаи* дӯстдоштаи онҳо ва *дар се рӯз* аз нав сохтани он боз як бор барғалат такрор намуданд. Агар Ӯ чунин бузург бошад, пас бигзор Худро *наҷот* диҳад ва *аз салиб фурӯд ояд*.

**15,31** *Саркоҳинон* ва *китобдонон* иддаои Ӯро оид ба наҷот додани *дигарон* тамасхур мекарданд. *«Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот дода наметавонад!»* Ин бераҳмии бадхоҳона, лекин дар айни ҳол ҳақиқати беихтиёрона буд. Ин дар зиндагии Худованд ҳақиқат буд ва инчунин дар зиндагии мо ҳам. Мо ба наҷот додани худ кӯшида, дигаронро наҷот дода наметавонем.

**15,32** Пешвоёни динӣ инчунин аз Ӯ талаб мекарданд, ки *аз салиб* фароояд, агар Ӯ Масеҳ, *Подшоҳи Исроил* бошад. «Он гоҳ мо *имон меоварем»,* – мегуфтанд онҳо. – Чунон кун, то мо *бубинем, ва имон оварем.*[18] Вале қонуни Худо чунин аст: «Бовар кунед ва баъд хоҳед дид».

Ҳатто ҷинояткорон Ӯро дашном медоданд!

**15,38** Дар ин лаҳза *пардаи ибодатхона аз боло то поён дарида, ду пора шуд*. Ин амали Худо буд ва ба он ишорат менамуд, ки ба василаи марги Масеҳ даромадан ба қудси Худо аз имрӯз эътиборан имтиёзи ҳамаи имондорон гардид (ниг. Ибр. 10,19-22). Бо ин ибтидои давраи нави бузург хабар дода мешуд. Давраи ба Худо наздик будан, на дур будан аз Ӯ.

**15,39** Агарчи эътирофи афсари румӣ олиҳимматона садо медиҳад, ҳатмӣ нест, ки вай ба Худо баробар будани Исоро эътироф карда бошад. *Мирисади* ғайрияҳудӣ Ӯро чун *Писари Худо* эътироф намуд. Ӯ, бешубҳа, таърихӣ будани тамоми ин лаҳзаро ҳис намуд. Вале аниқ нест, ки оё имони ӯ ҳақиқӣ буд.

**15,40-41** Марқус хотиррасон менамояд, ки дар назди салиб баъзе *занон* монда буданд. Шоёни зикр аст, ки занон дар нақли Инҷил равшан медурахшанд. Андешаи бехатарии шахсӣ мардонро ба пинҳон шудан маҷбур намуд. Бахшидашавии занон муҳаббат ба Масеҳро аз офияти шахсӣ болотар гузошт. Онҳо дар назди салиб охирин ва дар назди қабр аввалин буданд.

### Н. Се соати торикӣ (15,33-41)

**15,33** Байни нисфирӯзӣ ва соати сеи рӯз *тамоми заминро торикӣ фаро гирифт*. Дар ин соатҳо Исо пуррагии доварии Худоро барои гуноҳҳои мо аз сар мегузаронд. Ӯ дар танҳоии рӯҳонӣ ва дар ҷудоӣ аз Худо азоб мекашид. Хиради номукаммали мо он азобҳоеро фаҳмида наметавонад, ки Ӯ таҳаммул кард, вақте ки ҷони Ӯ қурбонии гуноҳ гардид.

**15,34** Дар охири ин азобҳо Исо *бо овози баланд фарёд зад* (ба забони арамӣ): *«Худои ман, Худои ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?»* Худо Ӯро тарк кард, зеро Ӯ дар қуддусияти Худ ба гуноҳ алоқаманд буда наметавонист. Худованд Исои Масеҳ Худро бо гуноҳҳои мо баробар кард ва пурра барои онҳо ҷазо гирифт.

**15,35-36** *Баъзе* одамон аз тӯдаи бераҳм «Элоҳӣ, Элоҳӣ!» гуфтани Ӯро шунида, гумон карданд, ки Ӯ *Илёсро мехонад*. Чун таҳқири охирин, яке аз онҳо *исфанҷеро аз сирко пур кард* ва бар сари най гузошта, *ба Ӯ нӯшониданӣ шуд*.

**15,37** Исо бо овози баланд *дод зада,* ғолибона *ҷон дод*. Марги Ӯ амали ирода буд, на мурдани ғайриихтиёрона.

### О. Дафн кардан дар қабри Юсуф (15,42-47)

**15,42** Шанбе аз ғуруби офтоб дар рӯзи ҷумъа сар шуд. *Рӯзи пеш аз шанбе* боз як ид буд, ки чун рӯзи тайёрӣ маълум аст.[19]

**15,43** Эҳтимол, зарурати зуд амал намудан *ба Юсуф ном шахсе аз Ромо* ҷасорат дод, ки аз Пилотус иҷозати дафн кардани *ҷасади Исоро* хоҳиш намояд. Юсуф яҳудии диндор, шояд, узви шӯрои пирон буд (Луқ. 23,50.51; ниг. инчунин Мат. 27,57; Юҳ. 19,38).

**15,44-45** Пилотус базӯр бовар мекард, ки Исо *зуд мурдааст*. Ҳангоме ки *мирисад* ин далелро тасдиқ намуд, ҳоким *ҷасадро ба Юсуф дод*. Дар ин порча дар асл барои ҷасади Исо ду калима истифода мешаванд: Юсуф «ҷисм»-и Исоро хоҳиш кард (ояти 43), Пилотус ба ӯ «ҷасад»-и Ӯро дод.

**15,46** Юсуф (ва Ниқӯдимус – Юҳ. 19,38. 39) бо эҳтиёти бузург ҷасадро ҳанут кард, *бо катон печонид,* ва баъд онро *ба қабри* нави худ гузошт. Қабр ҳуҷраи хурди *дар харсанг кандашуда* буд. Даромадгоҳ бо санге маҳкам карда мешуд, ки ба шакли танга тарошида шуда, ба роғи дар харсанг кандашуда ғелонида мешуд.

**15,47** Ва аз нав ду зан зикр карда мешаванд, ва маҳз ду Марям. Мо барои муҳаббати сустнашаванда ва бебоконаи онҳо мафтун мешавем. Мегӯянд, ки дар байни миссионерон имрӯз занон афзалият доранд. Мардҳо дар кучоянд?

## VIII. ҒАЛАБАИ ХИЗМАТГОР (Б. 16)

### А. Занон дар назди қабри холӣ (16,1-8)

**16,1-4** Бегоҳии шанбе ду Марям ва *Салӯмит* ба назди қабр омаданд, то ки часади Исоро бо хушбӯиҳо ҳанут кунанд. Онҳо медонистанд, ки ин осон намешавад. Онҳо медонистанд, ки ба даромадгоҳи қабр санги бузурге чафс карда шудааст. Онҳо дар бораи муҳри румӣ ва сарбозоне ки қабрро посбонӣ мекарданд, медонистанд. Вале муҳаббат монеаҳои кӯҳмонандро паси сар мекунад, то ба объекти дӯстдошта расад.

Саҳарии *якшанбе онҳо аз якдигар баланд-баланд мепурсиданд:* «Сангро аз дари қабр барои мо кӣ меғелонад?» *Онҳо* нигаристанд ва диданд, ки вай аллакай ғелонда шудааст! Чуноне ки аксаран мешавад, ҳангоме ки мо Наҷотдиҳандаро иззату икром карданӣ мешавем, душвориҳо пеш аз он ки мо ба онҳо наздик шавем, бартараф мешаванд.

**16,5-6** *Ва чун ба қабр даромаданд,* онҳо фариштаро дар намуди *ҷавоне диданд, ки либоси сафед дар бар дошт. Ӯ зинда шудани Исоро* эълон намуда, дарҳол тарси онҳоро бартараф намуд. Қабр холӣ буд.

**16,7** Баъд фаришта ба онҳо мунодиёни растохез буданро амр фармуд. Онҳо мебоист *ба шогирдон ва ба Петрус* мегуфтанд, ки Исо бо онҳо дар *Ҷалил* вомехӯрад. Таваҷҷуҳ намоед, ки *Петрус,* шогирде ки Худовандро инкор карда буд, алоҳида зикр шудааст. Фидиягузори аз мурдагон бархеста аз вай рӯ нагардонд, Ӯ вайро дӯст медошт ва мехост ӯро боз бубинад. Меҳнати махсусеро барои барқароршавӣ ба амал овардан зарур буд. Гӯсфанди гумроҳ бояд аз нав ба мушоракат бо Шубон оварда шавад. Гумроҳ бояд ба хонаи Падар баргардад.

**16,8** Занон бо изтироб ва даҳшат *аз пеши қабр гурехтанд.* Онҳо хеле тарсида буданд ва ба ягон кас дар бораи ҳодисае ки ба амал омад, нақл карда наметавонистанд. Ин ҳайратовар нест. Ҳайратангез он аст, ки онҳо то ин дам чунин шердил ва содиқ буданд.

### Б. Ба Марями Маҷдалия зоҳир шудан (16,9-11)

Азбаски ду дастнависи асосии Марқус оятҳои 9-20-ро надоранд, бисёр олимони ҳозира тахмин мекунанд, ки онҳо ҳақиқӣ нестанд. Вале ба фоидаи дохил намудани онҳо ба матн далелҳои боварибахш ҳастанд:

1. Аслан ҳамаи дастнависҳои юнонии дигар ва навиштаҷоти зиёди падарони Калисо ин порчаро *доранд.*
2. Ояти 8 – анҷоми бағоят аҷиб аст, махсусан барои забони юнонӣ, ки дар он калимаи охирин – «гар» (зеро ки) аст. Ин калима ҳатто дар охири ҷумла, ва хусусан дар охири китоб вуҷуд дошта наметавонад.
3. Агар, чунон ки баъзеҳо таълим медиҳанд, охири нусхаи асли Инҷили Марқус гум шуда, ин хотима дертар илова шуда бошад, пас суханони Худованди мо дар бораи нигоҳ дошта шудани Калом (Мат. 24,35), аз афташ, иҷро нашудаанд.
4. Мазмуни ин порча эътиқодмандона мебошад.
5. Услуб, ва махсусан захираи луғавӣ ба боби аввали китоб наздик ва мувозӣ мебошад.[20] Ин намунаи сохтор, ки *хиазм* номида мешавад, мувозии баръакс буда, дар он ибтидо ва охири кор мувозӣ сохта мешаванд (абвг, гвба).

**16,9** Наҷотдиҳанда аввал ба *Марями Маҷдалия* зоҳир шуд. Ҳангоме ки вай бори аввал бо Исо вохӯрд, Ӯ аз вай *ҳафт девро берун карда буд.* Аз ҳамон вақт сар карда вай бо молу мулки худ ва бо муҳаббат ба Ӯ хизмат мекард. Ӯ шоҳиди ба салиб кашида шудани Исо буд ва дида буд, ки ҷасади Ӯро ба куҷо гузоштанд.

Аз дигар Инҷилҳо мо мефаҳмем, ки, қабрро холӣ ёфта, вай давида рафта дар ин бора ба Петрус ва Юҳанно нақл намуд. Онҳо бо вай баргашта омада, чунон ки вай ба онҳо гуфта буд, қабрро холӣ ёфтанд. Онҳо ба хона баргаштанд, вай бошад дар назди қабри холӣ монд. Маҳз ҳамон вақт Исо ба вай зоҳир шуд.

**16,10-11** Вай аз нав ба шаҳр баргашт ва хабари хушро ба шогирдони ғамгин гуфт. Барои онҳо хабар бениҳоят хуш буд, то ба он

бовар намоянд. *Онҳо* ба Марям *бовар накарданд.*

**В. Ба ду шогирд зоҳир шудан (16,12-13)**

**16,12** Тасвири пурраи ин ҳодиса дар Луқо 24,13-31 навишта шудааст. Дар ин ҷо мо мехонем, ки Исо *ба ду* шогирд дар роҳ ба Аммоус *бо симои дигар зоҳир шуд*. Ба Марям Ӯ ба сурати боғбон зоҳир шуд. Дар ин ҷо Ӯ чун ҳамсафар менамуд. Вале ин худи ҳамон Исо дар ҷисми ҷалолёфтаи Худ буд.

**16,13** Вақте ки ду шогирд ба Уршалим баргаштанд ва дар бораи алоқаи худ бо Наҷотдиҳандаи аз мурдагон бархеста нақл карданд, онҳоро ҳам ба монанди Марям, бо ҳамон нобоварӣ истиқбол карданд.

**Г. Ба ёздаҳ нафар зоҳир гаштан (16,14-18)**

**16,14** Зоҳир шудан ба ёздаҳ нафар дар худи ҳамон бегоҳи якшанбе ба амал омад (Луқ. 24,36; Юҳ. 20,19-24; 1Қур. 15,5). Ҳарчанд ин ҷо оид ба *ёздаҳ нафар* шогирд гуфта мешавад, ҳамагӣ даҳ нафар ҳозир буданд. Ин бор Тумо набуд. Исо шогирдони Худро ба сабаби он маломат намуд, ки хабари аз Марям ва дигарон дар бораи растохези Ӯ шунидаашонро қабул накарданд.

**16,15** Дар ояти 15 фармони додаи Худованд дар арафаи ба боло бурда шудани Ӯ навишта шудааст. Ба ҳамин тариқ, дар байни оятҳои 14 ва 15 фосила ҳаст. Ба шогирдон фармон дода шуда буд, то *Инҷилро* ба ҳамаи офаридаҳо *мавъиза кунанд*. Мақсади Наҷотдиҳанда аз расондани Инчил ба ҷаҳон иборат буд. Ӯ инро бо ёздаҳ нафар шогирд, ки барои Ӯро пайравӣ намудан ҳақиқатан ҳама чизро тарк мекунанд, ба амал овардани буд.

**16,16** Мавъиза ду натиҷа хоҳад дошт. Баъзеҳо имон оварда, *таъмид мегиранд ва наҷот меёбанд,* дигарон бошанд аз имон овардан рӯ мегардонанд ва *маҳкум мешаванд.*

Баъзеҳо ояти 16-ро барои он истифода мебаранд, ки дар бораи зарурати таъмид бо об барои наҷот ёфтан таълим диҳанд. Мо медонем, ки он бо сабабҳои зерин инро ифода карда наметавонад:

1. Роҳзан дар салиб таъмид нагирифта буд, вале дилпур кунонида шуд, ки дар биҳишт бо Масеҳ хоҳад буд (Луқ. 23,43).
2. Бутпарастон дар Қайсария *баъди* наҷот ёфтан таъмид гирифтанд (Аъм. 10,44-48).
3. Худи Исо таъмид намедод (Юҳ. 4,1.2) – нуқсони аҷиб мебуд, агар барои наҷот ёфтан таъмид зарур мебуд.
4. Павлус ба Худо миннатдорӣ изҳор менамуд, ки ӯ танҳо шахсони камро дар Қуринтус (1Қур. 1,14-16) таъмид дода буд – изҳори ғайриимкон, агар таъмид шарти зарурии наҷот мебуд.
5. Тақрибан 150 ҷой дар Аҳди Нав ишорат менамояд, ки наҷот танҳо аз рӯи имон дода мешавад. Ҳеҷ як оят ба ин аксарияти мутлақи шаҳодатҳо мухолифат намекунад.
6. Таъмид дар Аҳди Нав бо марг ва дафн кардан алоқаманд аст, на бо зодашавии рӯҳонӣ.

Пас ояти 16 чиро мефаҳмонад? Мо гумон мекунем, ки дар он таъмид чун ифодаи берунии имон овардан ёдоварӣ карда мешавад. Таъмид на шарти наҷот, балки эълони зоҳирии он аст, ки одам наҷот ёфтааст.

**16,17-18** Дар ин ҷо Исо муъҷизаҳои муайянро номбар мекунад, ки онҳо шахсонеро, ки ба Инҷил бовар мекунанд, ҳамроҳӣ мекунад. Вақте ки мо ин оятҳоро мехонем, бешубҳа саволе ба миён меояд: «Оё ин аломатҳо имрӯзҳо зоҳир мешаванд?» Мо тахмин менамоем, ки ин *аломатҳо* асосан барои давраи расулон муқаррар шуда буданд, то замоне ки Навиштаи Муқаддас дар намуди анҷомёфта пайдо гашт. Қисми зиёди ин аломатҳо дар китоби Аъмол вомехӯранд:

1. *Берун кардани девҳо* (Аъм. 8,7; 16,18; 19,11-16).
2. *Забонҳои нав* (Аъм. 2,4-11; 10,46; 19,6).
3. *Морро гирифтан* (Аъм. 28,5).
4. *Заҳри қотиле хӯрдан* бе оқибати зарарнок – дар китоби Аъмол навишта нашудааст. Таърихнависи Калисо Евсевий зикр мекунад, ки Юҳанно ва Барнаббо инро аз сар гузарониданд.
5. *Даст бар беморон ниҳодан* барои шифо ёфтани онҳо (Аъм. 3,7; 19,11; 28,8.9).

Мақсади ин муъҷизаҳо чист? Мо гумон мекунем, ки ҷавоб дар Ибриён 2,3.4 мавҷуд аст. То дар шакли анҷомёфта ба даст овардани китоби

Инҷил одамон бо саволҳо ба расулон муроҷиат менамуданд ва ҳамчунин ба дигар тасдиқоти хабари Инҷил эҳтиёҷ доштанд. Барои тасдиқи мавъиза Худо ба василаи аломатҳо, муъҷизаҳо ва атоҳои гуногуни Рӯҳулқудс шаҳодат медод.

Имрӯз ба чунин аломатҳо эҳтиёҷ нест. Мо Навиштаи Муқаддаси пурраро дорем. Агар одамон ба он бовар накунанд, пас онҳо ба ҳеҷ чиз бовар намекунанд. Марқус нагуфтааст, ки муъҷизаҳо давом меёбанд. Дар ин ҷо суханони «то охирзамон» нестанд, чунон ки дар Матто 28,18-20 ҳаст.

Вале Мартин Лютер тахмин мекард, ки «аломатҳое ки ин ҷо оид ба онҳо гуфта мешавад, ҳангоми зарурат бояд истифода шаванд. Вақте ки эҳтиёҷ ба вуҷуд меояд ва Хушхабар фишорро ҳис менамояд, он гоҳ мо, бешубҳа, бояд ин аломатҳоро ба амал оварем ва роҳ надиҳем, ки Инҷилро бадгӯӣ кунанд ва рад намоянд».

## Ғ. Ба боло ба тарафи дасти рости Худо бурда шудани Хизматгор (16,19-20)

**16,19** *Худованди* мо Исои Масеҳ пас аз гузаштани чиҳил рӯзи растохези Худ *ба осмон боло бурда шуд ва аз дасти рости Худо нишаст.* Ин ҷои ҳурмат ва қудрат мебошад.

**16,20** Шогирдони ба фармони Ӯ итоаткор, чун машъали шуълавар ба пеш *рафта,* хабари Инҷилро мавъиза менамуданд ва барои Наҷотдиҳанда ҷонҳоро ба даст меоварданд. Қудрати *Худованд* бо онҳо буд. Аломоти ваъдашуда мавъизаи онҳоро ҳамроҳӣ намуда, *суханеро* ки онҳо мегуфтанд, *тасдиқ мекарданд*.

Нақл бо ҳамин ба итмом мерасад – Масеҳ дар осмон аст, якчанд шогирдони воқиф гардондашуда бошанд дар замин вазнинии ба ҷаҳон расондани Хушхабарро ба дӯши худ гирифтанд ва пурра худро ба он доданд, ки натиҷаҳои он дар абадият оқибат хоҳанд дошт.

Ба мо дар насли мо Супориши бузурге супорида шудааст. Вазифаи мо – Инҷилро ба ҳар як одам расонидан аст. Сеяки одамоне ки ягон замон дар замин сокин буданд, дар рӯзҳои мо зиндагонӣ мекунад. Дар соли 2000 дар замин нисфи тамоми одамони ягон вақт зиста хоҳанд зист. Бо чунин афзудани зиёди аҳолӣ вазифаи мо меафзояд. Вале усул худи ҳамон хел аст – шогирдони воқиф гардондашуда, ки беҳад Масеҳро дӯст медоранд ва барои онҳо қурбонии аз ҳад зиёд бахри Ӯ вуҷуд надорад.

Хоҳиши Худо – ба ҷаҳон расондани Хушхабар мебошад. Мо барои ин чӣ кор мекунем?

# Тавзеҳот

1. (1,31) J. R. Miller, *Come Ye Apart,* Хониш барои 28-уми март.
2. (3,13-18) James E. Stewart, *The Life and Teaching of Jesus Christ,* саҳ. 55,56.
3. (3,20-21) Miller, *Come,* Хониш барои 6-уми июн.
4. (4,30-32) Vance Havner, иқтибос аз J. Oswald Sanders in *Spiritual Maturity,* саҳ. 110.
5. (6,4-6) J. G. Miller, маълумоти дигар мавҷуд нест.
6. (6,31-32) William Kelly, *An Exposition of the Gospel of Mark,* саҳ. 85.
7. (7,2-4) E. Stanley Jones, *Growing Spiritually,* саҳ. 109.
8. (7,11-13) Kelly, *Mark,* саҳ. 105.
9. (8,1-9) Charles R. Erdman, *The Gospel of Mark,* саҳ. 116.
10. (8,22-26) Эҳтимол, одам дарҳол бино *шуд,* вале айнан ба монанди навзоде ки бо чашмони комил зода мешавад, бояд *ба предмет марказонидани нигоҳашро ёд мегирифт.*
11. (8,32-33) Kelly, *Mark,* саҳ. 136.
12. (9,44-48) Се маротиба (оятҳои 44.46.48) Худованд суханони Ишаъё 66,24-ро иқтибос меорад, то ки аз хатари дар дӯзах гузаронидани абадият огоҳӣ диҳад.
13. (10,31) Harry A. Ironside, *Expository Notes on the Gospel of Mark,* саҳ. 157.
14. (10,32) Erdman, *Mark,* саҳ. 147.
15. (13,29) Дар забони юнонӣ дар ин ҷумла танҳо бандаки феълии «ҳаст» (estin) мубтадо мебошад, ки он дар матн маънои «Ӯ» (Масеҳ) ё «ин» (тобистон, ҳодисаҳои пешгӯӣ кардашуда)-ро ифода карда метавонад. Ин ду маънӣ мушобеҳанд.
16. (13,32) James H. Brookes, *I Am Coming,* саҳ. 40.
17. (14,63-64) Чунин меҳисобанд, ки Юсуф аз Ромо ва Ниқӯдимус дар ин маҷлиси ғайриқонунӣ ҳузур надоштанд.
18. (15,32) Дар аксари дастнависҳо суханони «ба Ӯ» илова карда шудаанд, ки ваъдаи пешвоёнро (эҳтимол, бардурӯғро) мушаххас мегардонад.
19. (15,42) Дар забони ҳозираи юнонӣ калимаи тайёрӣ ба маънои ҷумъа кор фармуда мешавад.
20. (16,8) инчунин ниг., George Salmon, *Historical Introduction to the Study of the Books of the New Testament,* саҳ. 144-151.

# Рӯйхати адабиёт

Alexander, Joseph Addison.
*The Gospel According to Mark.*
Edinburgh: The Banner of Truth Trust, 1960.

Coates, C. A.
*An Outline of Mark's Gospel and other Ministry.*
Kingston-on-Thames: Stow Hill Bible and Tract Depot, 1964.

Cole, Alan.
*The Gospel According to St. Mark.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1961.

Erdman, Charles R.
*The Gospel of Mark.*
Philadelphia: The Westminster Press, 1917.

Ironside, Harry A.
*Expository Notes on the Gospel of Mark.*
Neptune, N. J.: Loizeaux Brothers Publishers, 1948.

Kelly, William.
*An Exposition of the Gospel of Mark.*
London: C. A. Hammond, 1934.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of St. Mark's Gospel.*
Minneapolis: Augsburg Publishing House, 1946.

Swete, Henry Barclay.
*The Gospel According to St. Mark.*
London: MacMillan and Company, Limited, 1902.

# ИНҶИЛИ ЛУҚО

*Зеботарини китобҳои мавҷуда.*
Эрнест Ренан

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Зеботарини китобҳои мавҷуда – баҳои баланд аст, махсусан аз даҳони аҳли шак. Ва ба ҳар ҳол мунаққиди франсавӣ Ренан ба Инҷили Луқо маҳз ҳамин гуна баҳо додааст. Ва имондори ҳассосе ки шоҳасари пурилҳоми ин инҷилнависро мехонад, ба ин суханон чӣ гуна эътироз карда метавонад? Луқо, шояд, ягона нависандаи ғайрияҳудиест, ки аз тарафи Худо барои навиштани Навиштаи Ӯ интихоб шудааст ва ин қисман ҷозибаи махсуси онро барои ворисони фарҳанги юнонӣ-румӣ дар Ғарб шарҳ медиҳад.

Ба маънои рӯҳонӣ бе фасоҳати беназири табиб Луқо мо дар баҳодиҳӣ ба Худованд Исо ва хизмати Ӯ хеле бенаво мебудем. Ӯ ҳавасмандии махсуси Худованди моро ба шахсиятҳои алоҳида, ҳатто ба камбағалон ва радшудагон, муҳаббат ва наҷотеро, ки Ӯ на танҳо ба яҳудиён, балки ба ҳамаи одамон пешниҳод карда буд, таъкид менамояд. Луқо ҳамчунин ба ҳамду сано (ҳангоми овардани намунаҳои мадҳияҳои ибтидоии масеҳӣ дар боби 1 ва 2), дуо ва Рӯҳулқудс махсусан таваҷҷуҳ менамояд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Луқо – аслан аз Антокия, аз рӯи ихтисос табиб – муддати зиёд ҳамсафари Павлус буд, бо дигар расулон бисёр сӯҳбат карда буд ва дар ду китоб ба мо намунаҳои дармонро барои ҷонҳо, ки аз онҳо гирифта буд, боқӣ гузоштааст.

*Шаҳодати берунии* Евсевий дар «Таърихи Калисо»-и ӯ оид ба муаллифии Инҷили сеюм бо ривоятҳои умумии масеҳияти ибтидоӣ мувофиқат мекунад. Ириней Инҷили сеюмро чун ба қалами Луқо тааллуқдошта васеъ иқтибос меоварад. Дигар тасдиқоти ибтидоӣ ба тарафдории муаллифии Луқо Юстини Риёзаткаш, Ҳегезиппус, Клименти Искандариягӣ ва Тертуллианро дар бар мегирад. Дар нашри хеле тамоюлнок ва мухтасари Маркион Инҷили Луқо ягона Инҷилест, ки ин бидъаткори машҳур қабул намудааст. Қонуни нопурраи Мураторӣ Инҷили сеюмро «Луқо» меномад.

Луқо ягона нависандаи Инҷил аст, ки давоми Инҷили худро навиштааст, ва маҳз аз ҳамин китоб, китоби Аъмол, муаллифии Луқо хеле равшан маълум аст. Порчаҳо бо калимаи «мо» дар китоби Аъмол – тасвири ҳодисаҳое мебошад, ки дар онҳо нависанда шахсан иштирок намудааст (16,10; 20,5.6; 21,15; 27,1; 28,16; муқоиса намоед бо 2Тим. 4,11). Ҳамаро як-як аз назар гузаронида, танҳо Луқоро иштирокчии *ҳамаи* ин ҳодисаҳо эътироф намудан мумкин аст. Аз бахшида шудан ба Теофилус ва услуби навишт комилан равшан аст, ки Инҷили Луқо ва китоби Аъмол ба қалами ҳамон як муаллиф тааллуқ доранд.

Павлус Луқоро «табиби маҳбуб» меномад ва ӯро алоҳида, аз масеҳиёни яҳудӣ ҷудо, зикр мекунад (Қул. 4,14), ки ин ба ӯ чун ба ягона нависандаи ғайрияҳудӣ дар Аҳди Нав ишорат менамояд. Инҷили Луқо ва китоби Аъмол ҳаҷман аз ҳамаи номаҳои Павлус зиёдтар мебошанд.

*Шаҳодатҳои дохилӣ* ҳуҷҷатҳои берунӣ ва ривоятҳои калисоиро тақвият медиҳанд. Захираи луғавӣ (аксаран дар истилоҳоти тиббӣ нисбат ба нависандагони дигари Аҳди Нав бештар аниқ), дар баробари услуби адабии забони юнонӣ, муаллифии табиби масеҳии бомаърифати ғайрияҳудиро тасдиқ менамояд, ки ӯ илова бар он бо масъалаҳои хоси яҳудӣ хуб ва батафсил шинос аст. Муҳаббати Луқо ба санаҳо ва тадқиқотҳои аниқ (мас., 1,1-4; 3,1) ӯро ба қатори таърихнависони аввалини Калисо мегузорад.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Санаи бештар имконпазири навишта шудани Инҷил – аввали солҳои 60-уми асри I аст. Баъзеҳо ҳамчунин онро ба солҳои 75 – 85 (ё ҳатто ба асри II) мансуб медонанд, ки ин, дар ҳадди ақалл, аз боиси қисман рад намудани вайроншавии Уршалимро аниқ пешгӯӣ карда тавонистани Масеҳ ба вуҷуд омадааст. Шаҳр дар соли 70 милодӣ вайрон карда шуда буд, бинобар ин пешгӯии Худованд *пеш* аз ин сана бояд навишта шуда бошад.

Азбаски тақрибан ҳама бо он розиянд, ки Инҷили Луқо аз ҷиҳати вақти навишт пеш аз Аъмол бояд навишта шуда бошад, ва Аъмол бо замони дар Рум будани Павлус (тақрибан соли 63 милодӣ) ба охир мерасад, пас санаи аз ин ҳам барвақттар даркор аст. Агар сӯхтори калон дар Рум ва таъқиботи баъдинаи масеҳиён, ки онҳоро Нерон айбдор эълон намуд (соли 64 милодӣ) ва ҳамчунин риёзаткашии Петрус ва Павлус аллакай воқеъшуда мебуданд, таърихнависи аввалини калисо онҳоро бе таваҷҷуҳ гузошта наметавонист. Яъне, санаи аниқтарин – солҳои 61 – 62 милодӣ мебошад.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Юнониён одамеро меҷустанд, ки камолоти Худоро доро буд ва дар айни замон дар худ хусусиятҳои беҳтарини мардон ва занонро мепайваст, вале бе камбудиҳои онҳо. Луқо Масеҳро – Писари Одамро чунин тасвир менамояд: пурқувват ва дар айни замон пур аз дилсӯзӣ. Вай табиати одамии Ӯро махсус тасвир менамояд.

Масалан, дар ин ҷо, нисбат ба дигар Инҷилҳо, зиёдтар ҳаёти дуогӯёнаи Ӯ таъкид карда мешавад. Ҳисси хайрхоҳӣ ва ҳамдардии Ӯ зуд-зуд хотиррасон карда мешаванд. Эҳтимол, маҳз барои ҳамин дар ин ҷо занон ва кӯдакон чунин ҷои махсусро ишғол менамоянд. Инҷили Луқо ҳамчунин чун Инҷили миссионерӣ машҳур аст. Дар ин ҷо Хушхабар ба ғайрияҳудиён равона карда мешавад, Худованд Исо бошад чун Наҷотдиҳандаи ҷаҳон нишон дода шудааст. Ва, ниҳоят, ин Инҷил китоби дарсии шогирдӣ мебошад. Мо роҳи шогирдиро дар ҳаёти Худованди мо таҳқиқ менамоем ва ҳангоме ки Ӯ пайравони Худро насиҳат медиҳад, таълими муфассали онро мешунавем. Қисман, маҳз ҳамин хусусиятро мо низ дар тафсири худ таҳқиқ хоҳем кард. Дар ҳаёти Одами Комил мо ҷузъиётеро хоҳем ёфт, ки барои ҳамаи одамон зиндагонии идеалиро ба вуҷуд меоваранд. Дар суханони беназири Ӯ мо роҳи салиброро, ки Ӯ моро ба он даъват менамояд, хоҳем ёфт.

Ба омӯзиши Инҷили Луқо сар карда, биёед ба даъвати Наҷотдиҳанда гӯш андозем, ҳама чизро тарк кунем ва аз пайи Ӯ равона шавем. Фармонбардорӣ воситаи фаҳмиши рӯҳонист. Маънои Навиштаи Муқаддас барои мо ҳамон вақт равшантар ва азизтар мешавад, ки мо худамон ба ҳодисаҳои дар ин ҷо тасвиршуда ворид шавем.

## Нақша

I. МУҚАДДИМА: МАҚСАДИ ЛУҚО ВА УСУЛИ Ӯ (1,1-4)
II. ОМАДАНИ ПИСАРИ ОДАМ ВА САРОМАДИ Ӯ (1,5–2,52)
III. ТАЙЁРИИ ПИСАРИ ОДАМ БА ХИЗМАТ (3,1–4,30)
IV. ПИСАРИ ОДАМ ҚУДРАТИ ХУДРО ИСБОТ МЕКУНАД (4,31–5,26)
V. ПИСАРИ ОДАМ ХИЗМАТИ ХУДРО ШАРҲ МЕДИҲАД (5,27–6,49)
VI. ПИСАРИ ОДАМ ХИЗМАТИ ХУДРО ВУСЪАТ МЕДИҲАД (7,1–9,50)
VII. МУХОЛИФАТИ АФЗОЯНДА НИСБАТ БА ПИСАРИ ОДАМ (9,51–11,54)
VIII. ТАЪЛИМ ВА ШИФО ДОДАН ДАР РОҲ БА УРШАЛИМ (Б. 12–16)
IX. ПИСАРИ ОДАМ ШОГИРДОНИ ХУДРО МЕОМӮЗОНАД (17,1–19,27)
X. ПИСАРИ ОДАМ ДАР УРШАЛИМ (19,28–21,38)
XI. УҚУБАТ ВА МАРГИ ПИСАРИ ОДАМ (Б. 22–23)
XII. ТАНТАНАИ ПИСАРИ ОДАМ (Б. 24)

## Тафсир

### I. МУҚАДДИМА: МАҚСАДИ ЛУҚО ВА УСУЛИ Ӯ (1,1-4)

Дар муқаддимаи худ Луқо пеши назари мо чун таърихшинос зоҳир мешавад. Ӯ сарчашмаҳои ҳуҷҷатиро, ки аз онҳо ҳуқуқи истифода дошт ва ҳамчунин усулеро, ки ба он пайравӣ менамуд, тасвир менамояд. Баъд ӯ мақсади навиштанро шарҳ медиҳад. Аз нуқтаи назари одамӣ ӯ ду намуди сарчашмаи аввалин дошт – сабтҳои хаттӣ дар бораи ҳаёти Масеҳ ва ахбороти даҳонии онҳое ки шоҳиди ҳаёти Ӯ буданд.

**1,1** Манбаъҳои хаттӣ дар ояти 1 тасвир ёфтаанд: *Азбаски бисёр касон ба тартиб додани нақли рӯйдодҳое сар кардаанд, ки рӯй доданашон дар миёни мо пурра маълум аст* ... Мо намедонем, ки ин муаллифон кистанд. Дар байни онҳо Матто ва Марқӯс буда метавонистанд, вале дигарон, шояд, барои ин аз олами боло илҳом нагирифта буданд (Юҳанно баъдтар навишта буд).

**1,2** Луқо ҳамчунин ба ривоятҳои даҳонӣ такя менамуд – чунон ки онҳое ки аз ибтидо шоҳидон ва ходимони Калом буданд, ба мо расондаанд. Луқо дар бораи худ чун шоҳид сухан намегӯяд, вале ӯ одамонеро, ки шоҳид буданд, пурсуҷӯ карда буд. Ӯ ин шогирдони Худованди моро *шоҳидон ва ходимони Калом* меномад. Ӯ дар ин ҷо «Калом»-ро чун номи Масеҳ истифода мебарад, чунон ки Юҳанно дар Инҷили худ мекунад. Ибораи «аз ибтидо» ибтидои давраи масеҳиро, ки дар бораи он Яҳёи Таъмиддиҳанда эълон намуда буд, дар назар дорад. Манбаъҳои хаттӣ ва даҳониро истифода бурдани Луқо илҳоми таҳтуллафзии он чиро ки ӯ навишт, инкор намекунад. Ин фақат маънои онро дорад, ки Рӯҳулқудс ба ӯ дар интихоб ва ба тартиб овардани мавод роҳбарӣ менамуд.

Ҷеймс С. Стюарт инро чунин шарҳ медиҳад:

*Луқо комилан равшан ба он ишорат менамояд, ки нависандагони аз Худо илҳомгирифта аз зарурати таҳқиқи дақиқи таърихӣ ба таври муъҷизаосо озод карда нашуда набуданд ... Илҳоми илоҳӣ аз он иборат набуд, ки Худо ба таври муъҷизаосо аз ҳудуди хирад ва қобилияти одамӣ мебаромад; Худо хости Худро ба воситаи одамони мутеи Ӯ ва ба воситаи ба онҳо бахшидани хирад ва қобилият баён мекунад. Он аз доираи худи шахсияти нависандаи матнҳои муқаддас берун намебаромад ва ӯро «мошини Худо» намекард; он шахсияти ӯро устувор мегардонд ва одамро шоҳиди зиндаи Худо мекард.*[1]

**1,3** Луқо мухтасар ба мақсадҳои худ ва усулҳои истифода мебурдааш ишора менамояд: *Ман низ раво донистам, ки ҳама чизро аз худи аввал бо диққат тадқиқ намуда, пай дар ҳам барои ту, эй Теофилуси муҳтарам, нависам.* Агар сухан дар бораи водоркунандаҳои ӯ равад, пас ӯ мегӯяд, ки ӯ раво донист. Агар аз мавқеи инсонӣ нигоҳ кунем, ӯ боварии оромона дошт, ки ӯ бояд Инҷилро нависад. Ба мо, албатта, маълум аст, ки водоркунии Худо ба таври аҷиб бо ин қарори одамӣ омехта буд.

Агар сухан дар бораи усули ӯ равад, ӯ рафти умумии *ҳама чизро аз худи аввал* пешакӣ аниқ муайян кард ва баъд инро ба тартиби муайян навишт. Ин вазифа илман дақиқ таҳқиқ намудани рафти ҳодисаҳоро дар ҳаёти Наҷотдиҳандаи мо дар бар мегирифт. Луқо аниқии манбаъҳои худро тафтиш намуд, ҳамаи он чиро, ки аз ҷиҳати таърих нодуруст буд ва аз ҷиҳати рӯҳонӣ аҳамият надошт, гирифта партофт ва баъд маводи ҷамъовардаашро ба он тартибе ки мо имрӯз дорем, даровард. Ҳангоме Луқо мегӯяд, ки ҳодисаҳоро *пайиҳам* навишт, ӯ ҳатман тартиби хронологиро дар назар надорад. Ҳодисаҳо дар Инҷил на ҳамеша ба он тартибе ки онҳо рӯй дода буданд, ҷойгир шудаанд. Тартиби ҷойгиршавии онҳо аниқтараш ахлоқӣ ё рӯҳонӣ мебошанд, яъне онҳо на бо вақт, балки бо пайдарпаии мавзӯӣ ё бо панди ахлоқӣ алоқаманданд. Ҳарчанд ин Инҷил ва китоби Аъмол ба *Теофилус* ирсол гардидааст, мо дар бораи ин одам ҳайратангезона кам медонем. Муроҷиат ба ӯ чун ба одами *муҳтарам* ба он ишорат менамояд, ки ӯ ходими давлатӣ буд. Маънои номи ӯ «дӯсти Худо» мебошад. Эҳтимол, ин масеҳие буд, ки мавқеи фахрӣ ва масъулро дар вазорати корҳои хориҷии империяи Рум ишғол мекард.

**1,4** Мақсади Луқо аз он иборат буд, ки ба Теофилус нақли хаттиеро пешниҳод намояд, ки он боваринокии ҳамаи он чиро, ки ба ӯ дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Худованд Исо таълим дода буданд, тасдиқ намояд. Ахбороти

хаттӣ бо устуворӣ фарқ мекунад ва аз ноаниқие ки ҳангоми нақли доимии даҳонӣ ба амал меоянд, ҳифз карда шудааст.

Ба ҳамин тариқ, оятҳои 1-4 ба мо таърихи кӯтоҳ, аммо мукаммали шароити одамии навишта шудани ин китоби Навиштаи Муқаддасро медиҳанд. Мо медонем, ки Луқо аз рӯи илҳом навишта буд. Дар ин ҷо ӯ оид ба ин чизе намегӯяд, магар ин ки онро дар калимаи *аз аввал* (ояти 3) дар назар дорад, ки онро ҳамчунин *аз боло*[2] тарҷума намудан мумкин аст.

## II. ОМАДАНИ ПИСАРИ ОДАМ ВА САРОМАДИ Ӯ (1,5–2,52)

### А. Хабар дар бораи зода шудани саромад (1,5-25)

**1,5-6** Луқо нақли худро аз он сар мекунад, ки падару модари Яҳёи Таъмиддиҳандаро ба мо мешиносонад. Онҳо дар он замоне зиндагонӣ мекарданд, ки дар *Яҳудо Ҳиродуси* Бузурги фосид ҳукмронӣ мекард. Ӯ адӯмӣ, яъне аз авлоди Эсов буд.

*Закарё* (ки маънояш «Худованд ба ёд мерад» аст) *коҳине аз навбати Абиё* буд – яке аз 24 навбат, ки Довуд коҳинони яҳудиро ба он тақсим намуд (1Вақ. 24,10). Ҳар як навбат дар як сол ду маротиба аз шанбе то шанбе ба хизмат дар парастишгоҳи Уршалим даъват карда мешуд. Дар он замонҳо коҳинон чунон зиёд буданд, ки шарафи бухурсӯзонӣ дар парастишгоҳ дар давоми зиндагӣ танҳо як дафъа мерасид ва ҳатто намерасид.

*Элисобаъ* («ваъдаи Худо»-ро ифода мекунад) ҳамчунин аз авлоди коҳинии Ҳорун буд. Вай ва шавҳари ӯ яҳудиёни содиқ буданд, ки Навиштаи ахлоқӣ ва маросимии Аҳди Қадимро дақиқ ва бо ҷидду ҷаҳд риоя мекарданд. Албатта, онҳо бегуноҳ набуданд, вале, гуноҳ карда, онҳо мекӯшиданд қурбонӣ кунанд ё бо ягон воситаи дигар талаботи маросимиро риоя намоянд.

**1,7** Онҳо *фарзанд надоштанд,* ки барои ҳар як яҳудӣ боиси шарм буд. Табиб Луқо зикр менамояд, ки сабаби ин нозой будани Элисобаъ буд. Мушкилот бо он далел меафзуд, ки *ҳар ду ба пиронсолагӣ расида буданд.*

**1,8-10** Боре Закарё *дар ибодатгоҳ* вазифаи коҳинии худро иҷро мекард. Дар ҳаёти ӯ ин рӯзи бузург буд, зеро қуръа ба номи ӯ баромад, то ки ба парастишгоҳ *даромада, бухур* сӯзонад. *Берун аз* парастишгоҳ *анбӯҳи мардум* ҷамъ омада буд, ки *дуо мегуфт.* Ҳеҷ кас аниқ намедонад, ки *вақти бухур сӯзондан* кадом вақт буд.

Диққат кунед: Инҷил аз *дуо гуфтани* мардуми зиёд дар парастишгоҳ сар мешавад ва бо он ба охир мерасад, ки одамон дар парастишгоҳ Худоро ҳамду сано мегӯянд. Бобҳои мобайнӣ дар бораи он нақл мекунанд, ки чӣ гуна ба дуоҳои онҳо дар Шахсият ва хизмати Худованд Исои Масеҳ ҷавоб дода шуд. Ин бағоят илҳомбахш аст!

**1,11-14** Дуои коҳин ва халқ вақт ва шароити мувофиқе барои ваҳйи Худо буд. *Ногоҳ фариштаи Худованд бар ӯ намудор гардида, дар тарафи рости қурбонгоҳи бухур истод,* – ҷои марҳамат. Аввал *Закарё* ба ҳарос афтод: ҳеҷ кас аз ҳамзамонони ӯ ҳеҷ гоҳ фариштаро надида буд. Вале фаришта ба ӯ хабари ҳайратоварро гуфта, ӯро ором кард. *Элисобаъ писаре* мезояд, ки ӯро *Яҳё* номидан лозим аст («марҳамат, ё файзи Яҳува»). Ба ғайр аз ин, ӯ ба падару модари худ *шодмонӣ ва хурсандӣ* меоварад, ӯ ҳамчунин барои *бисёр касон* боиси баракат мешавад.

**1,15** Ин кӯдак *дар назди Худованд бузург мешавад,* – ягона бузургие, ки аҳамияти ҳақиқӣ дорад. Пеш аз ҳама ӯ бо шахсан ҷудошуда будан барои Худо бузург хоҳад буд; ӯ *май* (аз ангур тайёркардашуда) ва *шароб* (аз ғалладона тайёркардашуда) *наменӯшад.*

Сипас, ӯ дар қудрати рӯҳонии худ бузург мешавад; *ва аз шиками модари худ аз Рӯҳулқудс пур мешавад.* (Ин маънои онро надорад, ки Яҳё аз вақти зода шудан наҷот ёфта буд ё бозгашт карда буд; ин танҳо онро дар назар дорад, ки Рӯҳи Худо дар ӯ аз аввал буд, то ки ӯро ба вазифаи махсуси саромади Масеҳ тайёр кунад.)

**1,16-17** Баъд, ӯ дар нақши мунодии Масеҳ бузург хоҳад шуд. *Бисёр касонро* аз халқи яҳудӣ ӯ *ба Худованд бозмегардонад.* Дар кӯшиши ба воситаи тавба ба муносибати дуруст бо Худо овардани халқ хизмати ӯ ба хизмати *Илёс* пайғамбар монанд хоҳад буд. Ҷ. Колман Локк мегӯяд:

*Мавъизаи ӯ дилҳои бепарвои падару модаронро ба ғамхории рӯҳонии ҳақиқӣ дар бораи*

*фарзандони худ табдил медиҳад. Ӯ ҳамчунин дилҳои саркаши муқобилаткунандаи фарзандонро ба «ҳикмати одилон» бармегардонад.*[3]

Дигар хел карда гӯем, ӯ кӯшиш хоҳад кард, ки аз ҷаҳон ҷамъияти имондоронро ҷамъ кунад, ки он ба пешвози Худованд дар вақти омадани Ӯ тайёр хоҳад буд. Ин хизмати шоиста барои ҳар яки мо мебошад.

Таваҷҷуҳ намоед, ки чӣ гуна оятҳои 16 – 17 илоҳияти Масеҳро дар бар мегиранд. Дар ояти 16 гуфта шудааст, ки Яҳё *бисёр касонро аз банӣ Исроил ба Худованд Худои онҳо бозмегардонад*. Пас аз он дар ояти 17 гуфта мешавад, ки Яҳё *пешопеши Ӯ қадам мезанад*. Калимаи «Ӯ» ба кӣ ишорат мекунад? Аз ояти пешина комилан равшан аст, ки *ба Худованд Худои онҳо*. Вале мо медонем, ки Яҳё саромади *Исо* буд. Инак, хулоса маълум аст. Исо Худо мебошад.

**1,18** *Закарёи* кӯҳансол аз имконнопазирии комили иҷроиши ваъда ғамгин буд. Ҳам ӯ ва ҳам *зани* ӯ *пиронсол* буданд, барои он ки падару модари кӯдак шаванд. Дар ин саволи содадилона тамоми шубҳаи фарогирандаи дили ӯ ифода гардидааст.

**1,19** Ба ӯ ҷавоб дода, фаришта, пеш аз ҳама, худро *Ҷаброил* муаррифӣ намуд («пурқуввати Худо»). Ҳарчанд ӯро одатан чун фариштаи муқарраб тасвир менамоянд, Навиштаи Муқаддас дар бораи ӯ танҳо чун дар бораи *дар ҳузури Худо меистода* ва аз Худо ба одамон хабароваранда ёдовар мешавад (Дон. 8,16; 9,21).

**1,20** Азбаски Закарё шубҳа мекард, пас ба ӯ лозим омад, ки то рӯзи зода шудани кӯдак забонаш лол шавад. Ҳар боре ки имондор ба шубҳа оид ба Каломи Худо ҷой медиҳад, ӯ аз шаҳодат ва суруди худ маҳрум мегардад. Нобоварӣ ба забони ӯ муҳр мегузорад, ва он то замоне муҳр баста меистад, ки бовар баргардад ва даҳон бо ҳамду сано ва шаҳодат лабрез шавад.

**1,21-22** *Мардум* бо бесабрӣ берун аз парастишгоҳ интизор буданд; одатан коҳине ки бухур месӯзонд, хеле зудтар мебаромад. Вақте ки *Закарё* ниҳоят *баромад,* фикрашро ба онҳо бо имову ишора мефаҳмонд. Ва он гоҳ *онҳо фаҳмиданд, ки ӯ дар ибодатгоҳ рӯъёе дидааст.*

**1,23** Пас аз анҷоми рӯзҳои хизмати худ дар парастишгоҳ коҳин ба хона *баргашт* ва ҳанӯз сухан гуфта наметавонист, чунон ки фаришта пешгӯӣ намуда буд.

**1,24-25** Вақте ки *Элисобаъ* ҳомила шуд, аз хонаи худ *панҷ моҳ* набаромад ва дар худ аз он хурсандӣ мекард, ки Худованд аз ӯ *нанги* бефарзандиро бардошт.

## Б. Мужда дар бораи зода шудани Писари Одам (1,26-38)

**1,26-27** *Дар моҳи шашум* баъди ба Закарё зоҳир шудани худ (ё баъд аз он ки Элисобаъ ҳомила шуд) *Ҷаброил* аз нав зоҳир шуд – ин дафъа ба *Марям* ном *бокирае* ки дар *Носираи Ҷалил* мезист. Марям ба *Юсуф* ном шахс, авлоди ҳақиқии *Довуд, номзад* буд, ки ӯ ҳуқуқи қонуниро ба тахти Довуд мерос гирифта буд, ҳарчанд ӯ худаш дуредгар буд. Номзадӣ нисбат ба фотиҳаи рӯзҳои мо созиши пурқувваттаре ба ҳисоб мерафт. Гап дар он аст, ки он танҳо бо қарори шаръӣ ба мисли талоқ қатъ шуда метавонист.

**1,28** *Фаришта* ба Марям муроҷиат намуд ва ӯро *пурфайз* номид, ки ӯро Парвардигор бо имтиёзи махсус зиёрат кардааст. Дар ин ҷо ба ду ҷиҳат ишорат намудан лозим аст: 1) фаришта Марямро парастиш накард ва бо дуо муроҷиат накард, ӯ фақат ба вай салом дод; 2) ӯ нагуфт, ки вай «аз файз пур аст», балки гуфт, ки вай *муборак* аст, яъне файз ёфтааст.[4]

**1,29-30** Албатта, аз чунин салом додан Марям *парешон шуд;* ӯ андеша мекард, ки ин чиро ифода мекунад. *Фаришта* тарси ӯро ором намуд ва баъд гуфт, ки *Худо* ӯро чун модари Масеҳе ки кайҳо боз интизораш буданд, интихоб намудааст.

**1,31-33** Ба ҳақиқатҳои муҳиме ки дар ин эълон ҳаст, таваҷҷуҳ намоед.

*Табиати воқеан одамии Масеҳ – ҳомила шуда, Писаре мезоӣ.*

Илоҳияти Ӯ ва вазифаи Ӯ чун Наҷотдиҳанда – *ва бояд номи Ӯро ИСО гузорӣ* (ки маъноаш «Худо Наҷотдиҳанда аст» мебошад).

Бузургии Ӯ – *Ӯ бузург мешавад;* ин ҳам ба Шахсияти Ӯ ва ҳам ба хизмати Ӯ дахл дорад.

*Писари Худо будани Ӯ – ва Писари Ҳаққи Таоло номида мешавад.*

Ба тахти Довуд қонунан сазовор будани Ӯ – *ва Худованд Худо тахти падараш Довудро ба Ӯ медиҳад.* Бо ҳамин Ӯ чун Масеҳ тасдиқ карда мешавад.

*Подшоҳии ҷовидонӣ ва умумиҷаҳонии Ӯ – бар хонадони Яъқуб то абад подшоҳӣ мекунад ва подшоҳии Ӯ поён нахоҳад дошт.*

Аён аст, ки оятҳои 31 ва қисми аввали ояти 32 ба омадани якуми Масеҳ мансубанд, дар ҳоле ки нимаи дуюми ояти 32 ва ояти 33 чун Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон омадани тасвир менамоянд.

**1,34-35** Саволи Марям: *«Ин чӣ гуна мешавад?»* – ифодаи тааҷҷуб мебошад, на шакку шубҳа. Ӯ чӣ гуна метавонад бизояд, агар шавҳар надошта бошад? Ҳарчанд фаришта дар ин бора суханҳои зиёд нагуфт, вале ҷавоб чунин буд – *таваллуди бикр. Рӯҳулқудс* бояд муъҷиза ба амал оварад. Вай бар ӯ *меояд ва қуввати Ҳаққи Таоло бар Ӯ соя меафканад.* Ба саволи Марям дар бораи он ки *чӣ гуна* (зеро ки ин барои фаҳмиши одамӣ ғайриимкон менамуд), Худо ҷавоб медиҳад – ба воситаи *Рӯҳулқудс: бинобар ин он Зодаи Муқаддас ҳам Писари Худо номида мешавад.* Бинобар ин, мо дар ин ҷо изҳороти боазаматро дар бораи ҷисми одамӣ дар бар кардани Худо дорем. Писари Марям Худои ба таври муъҷизаосо дар ҷисм зоҳиршуда мебошад. Забон сирреро, ки ин ҷо ниҳон аст, пурра ифода карда наметавонад.

**1,36-37** Баъд аз он фаришта ба Марям хабареро арз кард, ки *Элисобаъ, хеши* ӯ, ки ӯ пеш *нозой* буд, бо писар дар шикам ҳомила аст ва ҳоло *моҳи шашум* аст. Ин муъҷиза Марямро бояд ба он боварӣ ҳосил кунонад, ки *назди Худо ҳеҷ чиз ғайриимкон нест.*

**1,38** *Марям* бо фармонбардории том худро ба ихтиёри Худованд барои амалӣ гаштани мақсадҳои ҳайратангези Ӯ вогузошт. Баъд *фаришта аз пеши вай рафт.*

### В. Марям назди Элисобаъ меравад (1,39-45)

**1,39-40** Ба мо гуфта нашудааст, ки чаро *Марям* дар он вақт ба назди *Элисобаъ рафт.* Шояд, ӯ мехост худро аз ҷанҷоле ки дар Носира дар мавриди маълум шудани ҳолати ӯ ҳатман ба вуҷуд меомад, дур кашад. Агар ин чунин бошад, пас пазирой ва меҳрубоние ки Элисобаъ зоҳир намуд, дучандон хуш буд.

**1,41** Ва чун *Элисобаъ* саломи Марямро *шунид, бача дар шикамаш ба ҷунбиш омад* – ҷавоби асроромез ва беихтиёри саромади ҳоло зоданашуда ба омадани Масеҳи ҳоло зоданашуда. *Элисобаъ аз Рӯҳулқудс пур шуд,* яъне Ӯ суханон ва амали ӯро равона карда, вайро ба зери назорати Худ гирифт.

Дар боби 1 дар бораи се одами аз Рӯҳулқудс пуршуда гуфта мешавад: Яҳёи Таъмиддиҳанда (ояти 15), Элисобаъ (ояти 41) ва Закарё (ояти 67).

Яке аз нишонаҳои ҳаёти пур аз Рӯҳулқудс, – нутқи дар таронаҳои Забур ва мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ ифодаёфта мебошад (Эфс. 5,18-19). Бинобар ин ҳайратангез нест, ки мо дар ин боб се суруд меёбем ва ҳамчунин дуто дар боби баъдина. Чортои онҳо бо номи лотинӣ васеъ машҳуранд: 1) Саломи Элисобаъ (1,42-45); 2) *«Magnificat»* («Ситоиш», 1,46-55); 3) *«Benedictus»* («Муборак», 1,68-79); 4) *«Gloria in excelsis Deo»* («Худоро ҷалол дар арши аъло», 2,14); 5) *«Nunc dimitis»* («Акнун ба саломатӣ ҷавоб медиҳӣ», 2,29-32).

**1,42-45** Элисобаъ бо илҳоми махсус сухан ронда, Марямро чун *модари Худованди* худ салому дуруд гуфт. Дар дили ӯ асаре аз ҳасад набуд, танҳо хурсандӣ ва ваҷд аз он, ки Тифли ҳоло зоданашуда – *Худованди* ӯст. Марям *дар байни занон* аз он ҷиҳат *муборак аст,* ки ба ӯ имтиёзи зодани Масеҳ дода шуда буд. *Муборак аст самари шиками ӯ,* зеро Ӯ Худованд ва Наҷотдиҳанда аст. Навиштаи Муқаддас *ҳеҷ гоҳ* Марямро модари Худо наменомад. Вай дар ҳақиқат модари Исо буд, Исо бошад Худост, вале ба ҳар ҳол «Худо модар дорад» гуфтан сафсатаи таълимӣ мешавад. Исо ҷовидона вуҷуд дошт, дар ҳоле ки Марям офаридаи интиҳоёбанда буд ва санаи аниқи арзи ҳастӣ намудани худро медонист. Вай танҳо дар таҷассуми Ӯ модари Исо буд.

Элисобаъ оид ба ваҷди беихтиёри кӯдаки ҳанӯз зоданашудаи худ ҳангоми суханронии Марям хабар дод. Пас аз он ӯ Марямро бовар кунонд, ки имони ӯ фаровон мукофотонида хоҳад шуд. Умеду орзуи ӯ иҷро хоҳад шуд. Имони ӯ беҳуда нест. Кӯдаки ӯ мувофиқи ваъда зода хоҳад шуд.

### Г. Марям Худовандро ҳамду сано мегӯяд (1,46-56)

**1,46-49** Ситоиши Марям суруди Ҳанноро ба хотир меоварад (1Сам. 2,1 – 10). Пеш аз ҳама

*Марям Худовандро* барои он чи Ӯ барои вай ба амал овард, ситоиш намуд (оятҳои 4649). Ба суханони вай диққат диҳед: *«... минбаъд ҳамаи наслҳо маро хушбахт мехонанд»* (ояти 48). Баракатҳо на аз вай бармеоянд, балки ӯ муборак хоҳад буд. Вай дар бораи *Худо* чун дар бораи *Наҷотдиҳандаи* худ сухан меронад; ҳамин тариқ ғоя дар бораи он ки Марям бегуноҳ буд, беэътибор карда мешавад.

**1,50-53** *Баъд Ӯ Худовандро барои он ситоиш намуд, ки* марҳамати Ӯ насл ба насл барои касонест, ки аз Ӯ метарсанд. *Ӯ* зӯрмандонро аз тахтҳо сарнагун месозад ва шахсони ночиз *ва гуруснагонро* сарбаланд мегардонад.

**1,54-55** Ва ниҳоят, вай Худовандро барои садоқат ба *Исроил* дар иҷроиши ваъдае ки Ӯ ба *Иброҳим ва насли ӯ* дода буд, ҷалол дод.

**1,56** *Қариб се моҳ* назди Элисобаъ монда, Марям *ба хонаи худ* ба Носира *баргашт.* Вай ҳоло шавҳар накарда буд. Бешубҳа, вай мавзӯи бадгумонӣ ва бадгӯиҳо дар байни ҳамсояҳо гашт. Вале Худо ӯро сафед хоҳад кард; ӯ ба худ интизор шуданро иҷозат дода метавонист.

### Ғ. Зода шудани саромад (1,57-66)

**1,57-61** *Вақти* зоидани *Элисобаъ* расид ва ӯ *писаре* зоид. *Хешовандон* ва дӯстон хурсандӣ мекарданд. *Дар рӯзи ҳаштум,* вақте ки *кӯдак* хатна карда шуд, ҳама фикр мекарданд, ки ӯро худ аз худ *аз рӯи номи падараш, Закарё* меномиданд. Вақте *модари ӯ* гуфт, ки номи писараш *Яҳё* мешавад, одамон ҳайрон шуданд, зеро ки дар *авлоди* вай бо *ин ном* ҳеҷ касе набуд.

**1,62-63** Барои ба қарори қатъӣ омадан аз Закарё *бо имову ишора пурсиданд.* (Ин ба он ишорат мекунад, ки ӯ на танҳо гунг, балки кар ҳам буд). *Ӯ тахтачае талабид* ва ин масъаларо ҳал намуд – навишт: *«Номи* кӯдак *Яҳёст».* *Ҳамаи* ҳозирон *ҳайрон шуданд.*

**1,64-66** Вале онҳо боз ҳам зиёдтар ҳайрон шуданд, вақте диданд, ки ҳамин ки Закарё «Яҳё» навишт, қобилияти сухангӯияш барқарор шуд. Хабар зуд дар *сар то сари кӯҳистони Яҳудия* паҳн гашт ва одамон андеша мекарданд: Вазифаи ояндаи ин кӯдаки ғайриодӣ чӣ гуна хоҳад буд? Онҳо медонистанд, ки марҳамати махсуси *Худованд бо ӯ буд.*

### Д. Пешгӯии Закарё дар бораи Яҳё (1,67-80)

**1,67** Ниҳоят аз банди нобоварӣ озод шуда ва аз *Рӯҳулқудс пур шуда,* Закарё илҳом гирифт, ки ҳамду санои бағоят таъсирбахши пур аз иқтибосҳои Аҳди Қадимро баён намояд.

**1,68-69** *Ҳамду сано бод ба Худо барои он чи Ӯ кард:* Закарё фаҳмид, ки зода шудани писари ӯ Яҳё аз наздикии омадани Масеҳ дарк медиҳад. Ӯ дар бораи омадани Масеҳ чун оид ба амри воқеъ сухан меронд, пеш аз он ки ин рӯй дод. Имон ба ӯ қобилияти гуфтанро дод, ки *Худо аллакай* Раҳокунандаро фиристода, *ба дидори қавми худ омада, ба он халосӣ додааст.* Яҳува дар *хонадони* шоҳонаи *Довуд шохи наҷотро* барпо кард. (Шох барои равғани зайтун дар вақти тадҳини подшоҳон истифода мешуд; пас, ин ҷо он инро ифода карда метавонад: *«Подшоҳи* наҷот аз шаҷараи подшоҳии Довуд». Ё шох рамзи қудрат буда метавонад ва ба ҳамин тариқ *«Наҷотдиҳандаи* пурқувватро»-ро ифода карда метавонад).

**1,70-71** *Ҳамду сано бод ба Худо барои иҷро шудани пешгӯӣ:* Омадани Масеҳ *аз қадим бо забони пайғамбарони муқаддас* пешгӯӣ шуда буд. Онҳо ба халқ *аз душманон наҷот* ва аз хасмҳо амниятро ваъда карданд.

**1,72-75** *Ҳамду сано бод ба Худо барои садоқат ва ваъдаҳои Ӯ:* Худованд *бо Иброҳим аҳди* бешарти наҷотро баст. Ин ваъда дар омадани насли Иброҳим ва маҳз дар омадани Худованд Исои Масеҳ иҷро шуда буд. Наҷоти овардаи Ӯ ҳам зоҳирӣ ва ҳам ботинӣ буд. Зоҳиран он дар халос шудан *аз дасти душманони* онҳо ифода меёфт. Маънои ботинии он дар хизмат *ба Ӯ бе тарс ... дар муқаддасӣ ва ростӣ* буд.

Ин порчаро ба асос гирифта, Ҷ. Кемпбел Морган ду ақидаи хеле хубро баён намуд.[5] Ӯ пеш аз ҳама ба алоқаи ҳайратангез дар байни номи «Яҳё» ва мавзӯи суруд ишора менамояд: ҳам ин ва ҳам дигарӣ дар бораи марҳамати Худо мебошад. Пас аз он ӯ дар оятҳои 72 ва 73 ишораро ба номҳои «Яҳё», «Закарё» ва «Элисобаъ» пайдо мекунад.

Яҳё – «марҳамати ваъдашуда» (ояти 72).
Закарё – «ба ёд овардан» (ояти 72).
Элисобаъ – «қасам» (ояти 73).

Марҳамате ки Худо ба воситаи Яҳё эълон намуд, натиҷаи он аст, ки Ӯ *қасами аҳди муқаддаси Худро* ба ёд меорад.

**1,76-77** *Вазифаи Яҳё, хабаррасони Наҷотдиҳанда:* Ба Яҳё пешакӣ муқаррар шуда буд, ки *пайғамбари Ҳаққи Таоло* шавад, дилҳои одамонро ба омадани *Худованд* тайёр намояд ва *наҷотро ба қавми Ӯ* дар бахшидашавии *гуноҳҳои онҳо* мавъиза намоянд. Мо дар ин ҷо аз нав ба он дучор меоем, ки маълумотҳое ки дар Аҳди Қадим оид ба Худо ҳастанд, дар Аҳди Нав барои Исо истифода мешаванд. Малокӣ омадани муждарасонеро, ки ӯ ба Яҳува роҳ тайёр мекунад, пешгӯӣ намуда буд (Мал. 3,1). Закарё Яҳёро бо ҳамон муждарасон айният медиҳад. Чунон ки мо медонем, Яҳё барои он омад, ки пеши Исо роҳро *омода кунад*. Хулоса аниқ аст: Исо Яҳува мебошад.

**1,78-79** *Ба тулӯи офтоб шабоҳат додани омадани Масеҳ:* Дар тӯли асрҳо ҷаҳон *дар торикӣ* буд. Акнун, *аз марҳамати дилсӯзонаи Худои мо,* бояд субҳ медамид. Он мебоист дар Шахсияти Масеҳ фаро мерасид, ки ғайрияҳудиёни *дар торикӣ ва сояи марг нишастаро рӯшноӣ бахшад* ва қадами Исроилро *ба роҳи осоиш равона кунад* (ниг. Мал. 4,2).

**1,80** Боб бо зикри одие ба охир мерасад, ки *кӯдак* ҷисман *калон шуда,* рӯҳан *нерӯманд мегашт* ва *то рӯзи* ба оммаи халқи *Исроил* зоҳир гардидан *дар биёбон буд.*

### Е. Зода шудани Писари Одам (2,1-7)

**2,1-3** *Аз ҷониби қайсар Августус фармоне баромад, ки дар тамоми рӯи замин номнависӣ гузаронанд,* яъне *саршуморӣ* дар тамоми империяи ӯ бояд ба вуқуъ меомад. Дар замоне ки *Куриниюс дар Сурия ҳукмронӣ* мекард, *ин номнависӣ аввалин буд.* Дар давоми солҳои зиёд аниқии Инҷили Луқо аз сабаби ин истинод ба Куриниюс зери шубҳа гузошта мешуд. Аммо кашфиёти охирини бостоншиносӣ ин гуфтаро тасдиқ менамоянд. Аз мавқеи худ, *қайсар Августус* бартарии худро бар ҷаҳони юнониӣ-румӣ намоиш медод. Вале, аз нуқтаи назари Худо, қайсари ғайрияҳудӣ дар инкишофи нақшаи Худо фақат лӯхтак буд (ниг. Мас. 21,1).

**2,4-7** Фармони Августус *Юсуф* ва *Марямро* ба *Байт-Лаҳм* маҳз дар вақти даркорӣ овард, то ки Масеҳ дар он ҷо барои иҷроиши пешгӯӣ зода шавад (Мик. 5,2). Вақте ки онҳо *аз Ҷалил* ба Байт-Лаҳм омаданд, шаҳр пур аз одам буд. Ягона ҷое ки онҳо барои истиқомати муваққатӣ ёфта тавонистанд, – оғили *мусофирхона* буд. Ин ишора ба он буд, ки одамон Наҷотдиҳандаи Худро чӣ гуна қабул мекунанд. Маҳз ҳамон вақте ки ин ҷуфт аз *Носира* он ҷо буд, Марям *Писари нахустини худро зоид. Вай Ӯро парпеч кард,* ва *Ӯро* бо муҳаббат *дар охуре хобонд.*

Ҳамин тариқ дар Шахсияти Кӯдаки нотавон ва дар камбағалии оғилхонаи бадбӯй Худо ба сайёраи мо ташриф овард. Ҳайратовар! Дар ин бора Дарбӣ зебо гуфтааст:

*Ӯ роҳро дар охур сар кард, дар салиб ба охир расонид ва дар давоми роҳ ҷои сарпаноҳ надошт.*[6]

### Ё. Фариштаҳо ва чӯпонон (2,8-20)

**2,8** Хабари аввалин дар бораи ин зодашавии беназир на ба пешвоёни динӣ дар Ӯршалим, балки ба чӯпонони мушоҳидакор дар нишебии кӯҳҳои Яҳудо расонда шуд, ба одамони одӣ, ки онҳо кори муқаррарии худро софдилона иҷро мекарданд. Ҷеймс С. Стюарт қайд мекунад:

*Магар он далел аҳамиятнок нест, ки маҳз одамони хеле одии машғул бо кори хеле одӣ аввалин шуда бо чашмони худ ҷалоли омадани Худовандро диданд? Ин маънои онро дорад, ки аввалан, ҷои вазифа, ҳар қадар одӣ бошад ҳам, – ҷои рӯъёст. Дуюм, ин маънои онро дорад, ки маҳз барои ҳамин гуна одамоне ки дар зиндагӣ худотарсии одӣ ва амиқро нигоҳ доштаанд ва самимияти кӯдаконаро аз даст надодаанд, дарвозаҳои Подшоҳӣ бо омодагии зиёдтаре кушода мешаванд.*[7]

**2,9-11** *Фариштаи Худованд* дар назди чӯпонон ҳозир шуд ва нури рахшон ва пурқувват дар гирду пеши *онҳо дурахшид.* Азбаски онҳо аз даҳшат моту мабҳут шуданд, фаришта онҳоро ором кард ва навигариро хабар дод. Ин *хушхабари басо шодибахш* барои *тамоми қавм* буд, ки дар худи ҳамон рӯз дар гирду атрофи Байт-Лаҳм Кӯдаке *ба дунё омад.* Ин Кӯдак *Наҷотдиҳанда аст, ки Ӯ Масеҳ, Худованд аст!* Ба мо дар ин ҷо илоҳиёт дар ҳаҷми хурд пешниҳод гардидааст. Ӯ пеш аз ҳама *Наҷотдиҳанда* аст, ки дар номи Ӯ – Исо ифода карда шудааст. Пас аз он Ӯ *Масеҳ,* Масҳшудаи Худо, Масеҳи Исроил аст. Ва ниҳоят, Ӯ *Худованд,* Худои дар ҷисм зоҳиргашта мебошад.

**2,12** Чӯпонон Ӯро чӣ гуна мешиносанд? Фаришта ба онҳо аломати дукарата дод. Кӯдак пеш аз ҳама, *парпечшуда хоҳад буд*. Онҳо пеш аз ин ҳам кӯдаконро дар парпеч дида буданд. Вале фариштагон навакак хабар доданд, ки ин Кӯдак Худованд мебошад. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ Худовандро дар сурати *Кӯдаки* хурдсоли *парпечшуда* надида буд. Қисми дуюми аломат аз он иборат буд, ки Ӯ *дар охуре хобида* хоҳад буд. Аз эҳтимол дур аст, ки чӯпонон ягон вақт кӯдакро дар чунин ҷои номувофиқ дида бошанд. Ин ҷои номуносиб ба Худованди ҳаёт ва ҷалол дода шуда буд, ҳангоме ки Ӯ ба ҷаҳон омад. Сари мо чарх мезанад, ҳангоме оид ба он андеша мекунем, ки Офаридгор ва Нигоҳдорандаи олам ба таърихи одам на чун фотеҳи ҷангӣ, балки чун *Кӯдак* ворид шуд. Маҳз ҳамин аст ҳақиқати ҷисми одамӣ дар бар кардани Худо.

**2,13-14** *Ва ногаҳон* хурсандии осмонҳо, ки то кунун боздошта мешуд, рахна зад. *Дастае аз лашкари осмон пайдо шуданд, ки Худоро ситоиш мекарданд.* Ин мадҳия, ки акнун бо номи *«Gloria in excelsis Deo»* машҳур аст, аҳамияти пурраи зода шудани ин Кӯдакро инъикос менамояд. Ҳаёт ва фаъолияти Ӯ *ба Худо ҷалол дар арши аъло ва осоиш бар замин, дар миёни одамон ҳусни таваҷҷуҳ** меоранд, ё аниқтараш, ба он одамоне ки писандидаи Ӯ ҳастанд. Одамоне ки дар онҳо таваҷҷуҳи Худо ҳаст, онҳоеанд, ки ба гуноҳи худ иқрор мешаванд ва Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул менамоянд.

**2,15-19** Ҳамин ки *фариштагон ба осмон боло шуданд, чӯпонон ба Байт-Лаҳм* шитофтанд *ва Марям ва Юсуф* ва Исоро, *ки дар охур хобида буд, ёфтанд.* Онҳо таааҷҷуби сахти онҳоеро, ки дар оғил ҷамъ омада буданд, оварда, дар бораи рӯъёи фариштагон батафсил нақл карданд. *Марям бошад* дорои фаҳмиши амиқтари ҳодиса буд: вай *ҳамаи ин суханонро* бо диққат *дар дили худ ҷо дода, нигоҳ медошт.*

**2,20** *Чӯпонон* ба назди рамаи худ *баргаштанд,* бо дили пур аз шодӣ аз он чизе ки *шунида ва дида буданд,* бо ситоиши лаболаб саршор ба *Худо.*

* Дар тарҷумаи нави тоҷикӣ на *«дар миёни одамон ҳусни таваҷҷуҳ»,* балки «Писандидаи /Ӯ/ байни одамон аст» гуфта шудааст.

### Ж. Хатна кардан ва бахшида шудани Исо (2,21-24)

**2,21-24** Дар ин порча камаш се расму русуми гуногун тасвир карда шудаанд:

1. Якум – *хатнаи* Исо. Он вақте воқеъ шуд, ки Ӯ *ҳаштрӯза* буд. Ин нишонаи аҳди бо Иброҳим бастаи Худо буд. Дар худи ҳамон рӯз *ба Кӯдак,* мувофиқи анъанаи яҳудиён, ном гузошта шуд. Фаришта ба Марям ва Юсуф пешакӣ дастур дода буд, ки Ӯро ИСО номанд.
2. Маросими дуюм бо *покшавии* Марям алоқаманд аст. Он пас аз чил рӯзи зода шудани Исо ба амал омад (ниг. Иб. 12,1-4). Одатан падару модар мебоист барраҷаи пурра сӯзонда, ҳамчунин кабӯтари ҷавон ё кабӯтари модаро барои гуноҳ ба қурбонӣ меоварданд.
   Вале, чун ба камбағалон, ба онҳо иҷозат дода мешуд, ки *ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтарро* оваранд (Иб. 12,6-8). На барраҷа, балки танҳо *ду чӯҷаи кабӯтарро* овардани Марям тасдиқ мекунад, ки Исо дар камбағалӣ зода шуд.
3. Маросими сеюм аз пешниҳод намудани Исо дар парастишгоҳи *Уршалим* иборат буд. Худо дар ибтидо дастур дод, ки писарони нахустзода ба Ӯ тааллуқ дошта бошанд; онҳо бояд синфи коҳинонро ташаккул медоданд (Хур. 13,2). Баъдтар Ӯ барои хизмати коҳинӣ сибти Левиро ҷудо кард (Хур. 28,1.2). Баъд ба падару модар иҷозат дода шуд, ки панҷ сиқл супурда, писари нахустзодаи худро «бозхарид» ё «халос» намоянд. Онҳо инро ҳангоми ӯро *ба Худованд* бахшидан мекарданд.

### З. Шимъун барои дидани Масеҳ зиндагӣ мекунад (2,25-35)

**2,25-26** *Шимъун* аз боқимондаи яҳудиёни имондор буд, ки *мунтазири* омадани Масеҳ буданд. Ба ӯ *аз Рӯҳулқудс маълум буд, ки то Масеҳи Худовандро ё* Тадҳиншударо *набинад, маргро намебинад,* «Сирри Худованд – бо тарсгорони Ӯст» (Заб. 24,14). Ба онҳое, ки бо Худо дар муошират мушоҳидакоронаи ором мегарданд, Ӯ пинҳонӣ дониши илоҳии Худро хабар медиҳад.

**2,27-28** Ҳамин тавр шуд, ки Шимъун дар худи ҳамон рӯзе ки *падару модари* Исо Ӯро ба Худо муаррифӣ мекарданд ба *ибодатгоҳ* омад. Шимъун ба тариқи фавқулода хабар ёфт, ки ин Кӯдак Масеҳи ваъдашуда аст. Исоро *ба даст* гирифта ӯ суруди аҷоиберо хонд, ки он алҳол ба номи *«Nunc Dimittis»* («Акнун рухсати рафтан медиҳӣ») маълум аст.

**2,29-32** Мафҳуми асосии ин суруд аз ин иборат аст: *«акнун, эй Фармонраво, мувофиқи ваъдаи Худ,* маро, *бандаи Худро,* бо осоиш рухсати рафтан медиҳӣ. *Зеро* дар шахсияти ин Кӯдак *чашмони ман наҷоти Туро диданд* – Халоскунандаи ваъдашударо, чунон ки ту ба ман ваъда додӣ. Ту пешакӣ муайян кардӣ, то ки Ӯ барои ҳамаи одамон наҷот оварад. Ӯ нуре барои маърифатнокии ғайрияҳудиён мешавад (Омадани аввалини Ӯ) ва бар *ҷалоли қавми Исроил* медурахшад (Омадани дуюми Ӯ)». Баъд аз вохӯрӣ бо Худованд Исо Шимъун ба мурдан тайёр буд. Неши марг бартараф шуда буд.

**2,33** Луқо таълимотро дар бораи зодашавии бикр бо ҷидду ҷаҳд мудофиа намуда, инро аниқ бо суханони *«Юсуф ва Модари Ӯ»* ифода менамояд.

**2,34-35** Баъд аз изҳори ҳамду сано ба Худо барои Масеҳ, *Шимъун* падару модарро *баракат дод* ва баъд ба *Марям* суханони пайғамбарона гуфт. Пешгӯӣ аз чор қисм иборат буд:

1. Ин Кӯдак *барои ғалтидан ва бархестани бисёр касон дар Исроил* таъйин шудааст. Мутакаббирон, тавбанакардагон, беимонон *меғалтанд* ва ҷазо дода мешаванд. Он касоне ки итоат мекунанд ва аз гуноҳҳо тавба карда, Худованд Исоро қабул мекунанд, *бармехезанд* ва баракат дода мешаванд.
2. Кӯдак *барои аломати зиддият* таъйин карда шудааст. Бо Шахсияти Масеҳ маънои махсусе алоқаманд аст. Худи ҳузури Ӯ дар замин чун маломати бузургтарин ба гуноҳ ва нопокӣ хизмат мекард ва бо худи ҳамин ғазаби талхи дили одамиро ба вуҷуд меовард.
3. *Дар ҷони ту низ шамшере фурӯ меравад.* Шимъун дар ин ҷо он андӯҳеро пешгӯӣ мекунад, ки он дили Марямро фаро мегирад, ҳангоме ӯ ба салиб кашида шудани Писари худро мебинад (Юҳ. 19,25).
4. *То ки андешаҳои дилҳои бисёр ошкор шаванд.* Муносибати одам ба Наҷотдиҳанда санги санҷишии хоҳишҳо ва майлҳои дохилии Ӯ мешавад.

Ба ҳамин тариқ, суруди Шимъун дар худ фикрҳоро оид ба меъёри тафтиш, санги пешпо ва шамшер дар бар мегирад.

## И. Ҳанои Набия (2,36-39)

**2,36-37** *Ҳанои набия,* ба монанди Шимъун, ба бақияи амини Исроил мансуб буд, ки омадани Масеҳро интизор буданд. Ӯ *аз сибти Ошер* буд (ки маънояш «хушбахт, бобаракат» аст), яке аз даҳ сибт, ки дар соли 721 то милод аз тарафи ашшуриён ба асирӣ бурда шуда буданд. Ҳано, эҳтимол, зиёда аз сад сол дошт, ки аз онҳо *ҳафт солашро* вай бо шавҳараш гузаронд ва баъд *ҳаштоду чор сол* бева буд. Вай чун *набия,* бешубҳа, ваҳйи илоҳиро қабул мекард ва мунодии Худо шуда хизмат мекард. Вай софдилона ба парастиши ҷамоавӣ *ба ибодатгоҳ* меомад ва ба Худо *бо рӯза ва дуо шабу рӯз* ибодат мекард. Пирии ӯ барои хизмат ба Худованд монеа набуд.

**2,38** Маҳз ҳамон вақте ки Исоро назди Худованд оварданд, ва Шимъун ба Марям муроҷиат мекард, Ҳано ба ин гурӯҳи хурдакаки одамон наздик шуд. Ӯ *Худовандро* барои Раҳокунандаи ваъдашуда *ҳамду сано мехонд* ва баъд ба ҳамаи имондорон *дар Уршалим,* ки *мунтазири халосӣ* буданд, оид ба Исо *сухан меронд.*

**2,39** Баъд аз он ки Юсуф ва Марям ҳамаи маросимҳои пок кардан ва пешниҳод карданро *ба ҷо оварданд, онҳо ба Ҷалил,* ба шаҳри худ *Носира баргаштанд.* Луқо оид ба омадани мунаҷҷимон ва гурехтан ба Миср ёдовар намешавад.

## Й. Солҳои кӯдакии Исо (2,40-52)

**2,40** Инкишофи муътадили *Кӯдак* Исо ба ин тариқ ба вуқуъ меомад: Ӯ ҷисман *калон мешуд* ва рӯҳан *қавӣ мегашт.* Ӯ гаштан, гап задан, бозӣ кардан ва кор карданро омӯхта, марҳалаҳои инкишофи ҷисмонии муқаррариро

аз сар мегузаронд. Ба шарофати ин Ӯ ба мо дар ҳар як марҳалаи инкишофамон ҳамдардӣ карда метавонад. Дар инкишофи ақлӣ Ӯ *аз ҳикмат пур мешуд.* Ӯ на танҳо алифбо, рақамҳо ва ҳамаи донишҳои аз тарафи умум эътирофгаштаи он рӯзҳоро мефаҳмид, балки *дар ҳикмат,* яъне дар татбиқи амалии ин донишҳо дар мушкилоти ҳаётӣ, бузург мегашт. Аз ҷиҳати *рӯҳонӣ файзи Худо бар Ӯ буд.* Ӯ дар алоқа бо Худо ва вобастагӣ бо Рӯҳулқудс зиндагӣ мекард. Ӯ Навиштаи Муқаддасро меомӯхт, вақташро дар дуо гуфтан мегузаронд ва аз иҷроиши иродаи Падари худ лаззат мебурд.

**2,41-44** Писараки яҳудӣ дар синни дувоздаҳсолагӣ «писари шариат» мегардад. *Вақте ки* Худованди мо *дувоздаҳсола* шуд, оилаи Ӯ *барои иди Песаҳ* зиёрати ҳарсоларо *ба Уршалим* ба амал овард. Вале ҳангоме ки онҳо баргашта ба Ҷалил равона шуданд, пайхас накарданд, ки *Исо* дар назди онҳо нест. Шояд ин ба мо аҷоиб тобад, аммо оила, эҳтимол, дар ҳайати қофилаи хеле калон сафар мекард. Онҳо, бешубҳа, фикр мекарданд, ки Исо якҷоя бо ҳамсолони Худ мерафт.

Пеш аз он ки Юсуф ва Марямро маҳкум намоем, ба ёд меоварем, ки мо ҳам *роҳи якрӯзаи* худро *ба гумони он ки* Исо *дар байни мо* мебошад, ба осонӣ тай карда метавонем, ҳангоме ки дар асл алоқаро бо Ӯ ба воситаи гуноҳи эътирофнашуда дар ҳаётамон гум кардаем. Барои барқарор намудани алоқа бо Ӯ мо бояд ба он ҷое ки муносибатҳо канда шудаанд, баргардем ва баъд гуноҳҳоро эътироф намоем ва аз онҳо даст кашем.

**2,45-47** *Ба Уршалим* баргашта, падару модари ғамгиншуда Исоро *дар ибодатгоҳ ёфтанд, ки дар байни муаллимон нишаста, суханони онҳоро гӯш мекард ва ба онҳо савол медод.* Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки Ӯ чун кӯдаки аз синну солаш зиёдтар инкишофёфта амал мекард, ки бо муалимони худ мубоҳиса мекунад. Не, Ӯ ҷои кӯдаки муқаррариро ишғол намуда фурӯтанона ва оромона дар назди муаллимони худ таълим мегирифт. Ва ба ҳар ҳол дар рафти таълим ба Ӯ бояд баъзе саволҳо медоданд, зеро ки *аз фаҳмиши Ӯ ва аз ҷавобҳои Ӯ ҳайрон мешуданд.*

**2,48** Ҳатто падару модари Ӯ *дар ҳайрат монданд,* ҳангоме пайхас намуданд, ки Исо дар сӯҳбат бо одамони аз рӯи синну сол аз Ӯ хеле калон ба ин дараҷа хирадмандона иштирок мекард. Ва ба ҳар ҳол *модар* ғаму андӯҳ ва озурдагии дар ӯ ғуншударо изҳор намуда, Ӯро сарзаниш намуд. Магар Ӯ намедонист, ки онҳо аз барои Ӯ хеле хавотир шуда буданд?

**2,49** Ҷавоби Худованд, суханони аввалини Ӯ, ки навишта шуда буданд, нишон медиҳанд, ки Ӯ пурра Худро чун Писари Худо эҳсос менамуд ва ҳамчунин сарнавишти илоҳии Худро дарк мекард: *«Чаро Маро ҷустуҷӯ кардед? Магар намедонистед, ки Ман бояд дар пайи корҳои Падарам бошам?»* Марям гуфта буд: «падарат ва ман». Исо гуфт: *«корҳои Падарам».*

**2,50** Дар он вақт *онҳо* маънои ҷавоби Ӯро *сарфаҳм нарафтанд.* Ин барои Навраси дувоздаҳсола суханони ғайриодӣ буд!

**2,51** Ҳар тавре ки бошад, онҳо аз нав якҷоя буданд ва метавонистанд *ба Носира* баргарданд. Камолоти ахлоқии Исо аз суханони *«Ва дар итоати онҳо буд»* аён аст. Ҳарчанд Ӯ Офаридгори ҷаҳон буд, дар ин оилаи хоксори яҳудӣ чун кӯдаки итоаткор ҷои Худро ишғол кард. Вале тамоми ин муддат *модари Ӯ ин суханонро дар дили худ нигоҳ медошт.*

**2,52** Ва аз нав ба мо лавҳаи табиати ҳақиқии одамӣ ва инкишофи муқаррарии Худованди мо пешниҳод карда шудааст:

1. *Инкишофи ақлии Ӯ* – дар ҳикмат ... пешрафт мекард.
2. *Инкишофи ҷисмонии Ӯ* – дар камол ... пешрафт мекард.
3. *Инкишофи рӯҳонии Ӯ* – ва дар писандидагӣ назди Худо ... пешрафт мекард.
4. *Инкишофи иҷтимоии Ӯ* – дар илтифот назди одамон пешрафт мекард.

Ӯ дар ҳамаи ҷанбаҳои инкишофи худ мутлақо комил буд. Баъд Луқо дар нақли ҳаждаҳ соле ки онро Худованд Исо дар Носира чун писари дуредгар гузаронд, сукут ихтиёр мекунад. Ин солҳо ба мо аҳамияти тайёрӣ дидан ва илмомӯзӣ, зарурияти сабр ва қадри меҳнати одиро таълим медиҳанд. Онҳо моро бар зидди ҷаҳиш аз зодашавии рӯҳонӣ ба хизмати ҷамъиятӣ меогоҳонанд. Онҳое ки кӯдакӣ ва наврасии мӯътадили рӯҳонӣ надоштанд, зиндагонӣ ва шаҳодати худро ба бадбахтӣ гирифтор мекунанд.

## III. ТАЙЁРИИ ПИСАРИ ОДАМ БА ХИЗМАТ (3,1–4,30)

### А. Саромади Ӯ роҳ тайёр мекунад (3,1-20)

**3,1-2** Чун таърихшинос, Луқо пешвоёни сиёсӣ ва диниро, ки он вақт дар сари қудрат буданд, номбар намуда солеро муайян мекунад, ки Яҳё мавъиза карданро сар кард: Як қайсар *(қайсар),* як сардор, се *тетрарх* ва ду *саркоҳин.* Роҳбарони сиёсии номбаршуда аз шиканҷаи оҳанине ки халқи Исроил бо он дар тобеият нигоҳ дошта мешуд, дарак медиҳанд. Он далел, ки дар Исроил ду саркоҳин буд, гувоҳи он аст, ки дар халқ чунон ки тартиботи сиёсӣ набуд, тартиботи динӣ ҳам набуд. Ҳарчанд аз рӯи андозаи ҷаҳонӣ ин одамон бузург шумурда мешуданд, дар пеши назари Худо онҳо бадкор ва бераҳм буданд. Бинобар ин, вақте ки Ӯ ба одамон муроҷиат кардан хост, қаср ва куништро сарфи назар карда, сухани Худро *ба Яҳё ибни Закарё* дар биёбон хабар дод.

**3,3** Яҳё дарҳол *тамоми атрофи кишвари Урдун,* эҳтимол, наздикии Ариҳоро тай намуд. Ӯ халқи Исроилро даъват менамуд, ки барои ба даст овардани бахшидашавии *гуноҳҳо* тавба карда, бо ҳамин ба омадани Масеҳ тайёр шаванд. Ӯ ҳамчунин одамонро даъват менамуд, то чун аломати зоҳирии он ки онҳо дар ҳақиқат тавба кардаанд, таъмид гиранд. Яҳё набии ҳақиқӣ, виҷдони таҷассумёфта, бар зидди гуноҳ фарёдзананда ва ба навшавии рӯҳонӣ даъваткунанда буд.

**3,4** Ба ҳамин тариқ, хизмати ӯ иҷро шудани пешгӯии *Ишаъё* 40,3-5 буд. Ӯ *овози нидокунандае дар биёбон* буд. Ба маънои рӯҳонӣ Исроил дар он замон *биёбон* буд. Он хушк ва бенишот буд ва барои Худо самара намеовард. Барои ба омадани Худованд тайёр шудан халқ мебоист аз тағйиротҳои ахлоқӣ мегузашт. Ҳангоме ки дар он рӯзҳо подшоҳ бояд ташрифи шоҳона мекард, ба ин бо диққат тайёрӣ медиданд, роҳҳоро рост мекарданд, то ки омадани Ӯ боз ҳам қулайтар карда шавад. Яҳё халқро барои ба амал овардани маҳз ҳамин даъват менамуд, фақат сухан на дар бораи он мерафт, ки ба маънои таҳтуллафзӣ роҳҳо таъмир карда шаванд; балки ӯ халқро даъват менамуд, ки дилҳои худро барои қабули Масеҳ тайёр кунанд.

**3,5** Натиҷаи омадани Масеҳ ба ин тариқ тасвир карда шудааст:

*Ҳар водӣ баланд мешавад* – ҳар касе ки дар ҳақиқат тавба мекунад ва итоат мекунад, наҷот дода мешавад ва қонеъ гардонида мешавад.

*Ҳар кӯҳу теппа паст мешавад* – ба китобдонон ва фарисиён, мутакаббирон ва ҳавобаландон ва ғайра лозим меояд фурӯтан шаванд.

*Ҳар каҷӣ рост мешавад* – онҳое ки ба монанди боҷгирон бевиҷдонанд, бояд хислатҳои худро рост кунанд.

*Роҳҳои ноҳамвор ҳамвор мешаванд* – ҷанговарон ва одамони дигаре ки феъли тез ва дағал доранд, мулоим ва олиҳиммат мешаванд.

**3,6** Натиҷаи ниҳоӣ аз он иборат хоҳад буд, ки *тамоми башар* – ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиён – *наҷоти Худоро мебинанд.* Дар омадани аввалини Ӯ наҷот ба ҳамаи одамон пешниҳод шуда буд, ҳарчанд на ҳама онро қабул карданд. Вақте ки Ӯ барои ҳукмронӣ кардан бармегардад, ин оят пурра иҷро мешавад. Он гоҳ тамоми Исроил наҷот меёбад, ва ғайрияҳудиён низ имконияти истифодаро аз баракати Подшоҳии пурҷалоли Ӯ ба даст меоваранд.

**3,7** Яҳё медид, ки на ҳамаи онҳое ки барои *таъмид гирифтан* назди ӯ меомаданд, самимианд. Баъзеҳо фақат вонамуд мекарданд, дар асл бошад ба росткорӣ намекӯшиданд ва талабгори он набуданд. Маҳз чунин одамонро Яҳё *«афъизодагон»* номид. Савол *«Кӣ ба шумо гуфт, ки аз ғазаби оянда гурезед?»* аз он дарак медиҳад, ки Яҳё инро накарда буд. Хабари ӯ ба онҳое равона карда шуда буд, ки гуноҳҳои худро эътироф кардан мехостанд.

**3,8** Агар онҳо дар ҳақиқат бо Худо сарукор доштан хоҳанд, пас онҳо бояд ҳақиқӣ будани тавбаи худро бо ҳаёти дигаргуншуда тасдиқ намуда, нишон диҳанд. Тавбаи ҳақиқӣ *самаре* меоварад. Онҳо набояд фикр кунанд, ки аз нажоди *Иброҳим* будан кофист; хешигарӣ ба одамони худотарс ҳеҷ касро росткор намекунад. Барои ба амал овардани мақсадҳои Худ *Худо* бо насли табиии Иброҳим маҳдуд намешавад; Ӯ метавонад *сангҳои* назди дарёи Урдунро гирифта, аз онҳо *барои Иброҳим фарзандҳо ба вуҷуд оварад.* Дар ин ҷо *сангҳо,* эҳтимол, рамзи ғайрияҳудиён мебошанд, ки онҳоро Худо бо муъҷизаи файзи илоҳӣ метавонад

ба имондороне табдил диҳад, ки имонашон монанди имони Иброҳим аст. Чунин ҳам шуд. Насли ҷисмонии Иброҳим, чун миллат, Масеҳи Худоро рад намуд. Вале ғайрияҳудиёни зиёд Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул намуданд ва бо худи ҳамин насли рӯҳонии Иброҳим гаштанд.

**3,9** *Ва алҳол теша бар решаи дарахтон гузошта шудааст* – ин ифодаи маҷозӣ онро ифода мекунад, ки омадани Масеҳ ҳақиқӣ будани тавбаи одамро хоҳад санҷид. Он одамоне ки самараҳои тавбаро надоранд, маҳкум карда мешаванд.

*Суханон ва ибораҳо аз забони Яҳё чун шамшер мебаромаданд: «афъизодагон», «ғазаби оянда», «теша», «бурида», «ба оташ андохта». Пайғамбарони Худованд ҳеҷ гоҳ ширинзабон набуданд: Онҳо мавъизагарони бузурги ахлоқ буданд ва аксаран суханони онҳо бар одамон, чун табарҳои ҷангии аҷдодони мо ба тоскулоҳҳои душманони онҳо, фурӯ мерафтанд.*

(Аз қайдҳои ҳаррӯзаи ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

**3,10** *Мардуми* фошкардашуда аз Яҳё хоҳиш мекарданд, то маслиҳати амалӣ диҳад, ки ҳақиқӣ будани тавбаи худро чӣ гуна нишон диҳанд.

**3,11-14** Дар оятҳои 11-14 вай ба онҳо роҳҳои аниқро нишон дод, ки чӣ гуна онҳо самимияти худро исбот карда метавонанд. Умуман, онҳо бояд наздикони худро дӯст доранд ва аз либосу *хӯроки* худ ба муҳтоҷон диҳанд.

Агар гап дар бораи *боҷгирон* равад, онҳо дар ҳамаи корҳои худ қатъиян бояд бовиҷдон бошанд. Азбаски онҳо, ҳамчун синф, хеле вайроншуда буданд, пас бовиҷдонии онҳо шаҳодати басо аниқи самимият мегардид.

Ва ниҳоят, ба *сарбозони* дар хизмати фаъолона буда гуфта шуда буд, ки онҳо аз се гуноҳи дар байни хизматчиён паҳнгашта худдорӣ кунанд: аз озордиҳӣ, тӯҳмат ва норозигӣ. Фаҳмидан муҳим аст, ки иҷро шудани ин талабот одамонро наҷот намедод. Ин, аниқтараш, чун шаҳодати зоҳирии он ки дилҳои онҳо ҳақиқатан дар назди Худо дар ҳолати дуруст мебошанд, хизмат мекард.

**3,15-16** Ба нонамоён мондан кӯшидани Яҳё ҳайратовар буд. Дар давоми як муддате ӯ ба сифати Масеҳ баромад карда, метавонист пайравони зиёдро ба худ ҷалб намояд. Вале ба ҷои ин вай худро бо Масеҳ муқоиса намуда, оид ба худ хеле хоксорона сухан меронд. Ӯ мефаҳмонд, ки таъмиди ӯ зоҳирӣ ва ҷисмонӣ буд, дар ҳоле ки таъмиди Масеҳ дохилӣ ва рӯҳонӣ мешавад. Ӯ мегуфт, ки сазовори он нест, ки банди пойафзоли Масеҳро кушояд.

Масеҳ *бо Рӯҳулқудс ва оташ* таъмид медиҳад. Хизмати Ӯ аз ин ду қисм иборат хоҳад буд. Пеш аз ҳама, *Ӯ* имондоронро *бо Рӯҳулқудс таъмид медиҳад* – ваъдаи он чи дар рӯзи Пантикост рӯй медиҳад, вақте ки ҳамаи имондорон ба Бадани Масеҳ таъмид мегиранд. Вале баъд Ӯ *бо оташ* таъмид медиҳад.

**3,17** Аз ояти 17 аниқ дида мешавад, ки *бо оташ* таъмид додан – таъмиди доварист. Худованд дар ин ҷо чун боддиҳандаи ғалла тасвир карда шудааст. Вақте ки Ӯ бо бел ғалларо бод медиҳад, *коҳ* дар хирманҷо ба як тараф мепарад. Баъд онро рӯфта мепартоянд ва оташ мезананд.

Ҳангоме ки Яҳё ба ҷамъомади омехтаи одамон – имондорон ва беимонон – сухан мегуфт, Ӯ ҳам таъмид *бо Рӯҳ,* ҳамчунин таъмид *бо оташро* ёдовар мешуд (Мат. 3,11 ва дар ин ҷо). Ҳангоме ки ӯ танҳо дар бораи имондорон сухан меронд (Марқ. 1,5), пас таъмид бо оташро партофта гузашт (Марқ. 1,8). Ҳеҷ як имондори ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ таъмид бо оташро аз сар намегузаронад.

**3,18-20** Ниҳоят Луқо тайёр аст диққатро аз Яҳё ба Исо гузаронад. Бинобар ин дар оятҳои баъдина ӯ хизмати боқимондаи Яҳёро ҷамъбаст менамояд ва моро ба пеш ба вақти ба зиндон маҳбус шудани ӯ аз тарафи *Ҳиродус* мебарад. Амалан Яҳё баъди ҳаждаҳ моҳ ба зиндон партофта шуда буд. Ӯ Ҳиродусро дар он *сарзаниш* намуд, ки ӯ бо зани бародараш дар зино зиндагонӣ мекунад. Авҷи аълои бадкирдориҳои *Ҳиродус ба зиндон андохтани Яҳё буд.*

## Б. Тайёрӣ ба воситаи таъмид (3,21-22)

**3,21-22** Баробари аз доираи назари мо баромадани Яҳё ба ҷои аввал Худованд Исо мебарояд. Ӯ хизмати ҷамъиятии Худро тахминан дар сисолагӣ, *бо таъмид* дар дарёи Урдун шурӯъ менамояд.

Дар маълумот оид ба таъмиди Ӯ якчанд лаҳзаҳои шавқовар ҳаст:

1. Дар ин ҷо ҳамаи се Шахсияти Вахдати Сегона ҳузур доранд: *Исо* (ояти 21), *Рӯҳулқудс* (ояти 22а), Падар (ояти 22б).
2. Танҳо Луқо он фактро навиштааст, ки Исо дар вақти таъмид *дуо мегуфт* (ояти 21). Ин ба мақсади Луқо мувофиқат мекунад – Масеҳро чун Писари Одам, ки ҳамеша ба Худо Падар вобаста аст, нишон додан. Ҳаёти дуогӯёнаи Худованди мо – мавзӯи афзалиятноки ин Инҷил мебошад. Ӯ дар ибтидои хизмати ҷамъиятии Худ дуо гуфт. Ӯ дуо мегуфт, ҳангоме ки васеъ машҳур мегашт ва мардуми зиёде аз пайи Ӯ мерафтанд (5,16). Ӯ пеш аз интихоби дувоздаҳ шогирд тамоми шабро дар дуо гузаронд (6,12). Ӯ дар арафаи ҳодисае ки дар Қайсарияи Филиппус рӯй дода буд, – авҷи аълои хизмати таълимдиҳии Ӯ, дуо мегуфт (9,18). Ӯ дар кӯҳи Дигаргуншавӣ дуо мегуфт (9,28). Ӯ дар ҳузури шогирдони Худ дуо мегуфт ва ин барои суханронӣ оид ба дуо имконият дод (11,1). Ӯ барои дар имон устувор мондани Петрус дуо мегуфт (22,32). Ӯ дар боғи Ҷатсамонӣ дуо мегуфт (22,41.44).
3. Таъмиди Исо яке аз се мавриде буд, ҳангоме ки Худо *аз осмон* дар бораи хизмати *Писари* дӯстдоштаи Ӯ мегуфт. Дар давоми сӣ сол чашми Худо зиндагонии бенуқсонро дар Носира мушоҳида мекард; дар ин ҷо ҳукмномаи Ӯ *«Ман аз Ту хушнудам»* буд. Ду мавриди дигар, вақте ки Падар дар назди одамон аз осмон сухан меронд, дар кӯҳи Дигаргуншавӣ рӯй дод, вақте ки Петрус сохтани чодарҳоро пешниҳод намуд (Луқ. 9,35) ва ҳангоме ки юнониён Исоро дидан хоста, ба назди Филиппус омаданд (Юҳ. 12,20-28).

## В. Тайёрӣ ба воситаи мансубият ба инсоният (3,23-28)

**3,23-28** Луқо пеш аз он ки ба нақл оид ба *хизмати* ҷамъиятии Худованди мо шуруъ намояд, таваққуф мекунад ва насабномаи Ӯро меоварад. Агар Исо ҳақиқатан одам бошад, пас Ӯ бояд аз *Одам* ба вуҷуд омада бошад. Ин насабнома нишон медиҳад, ки Ӯ ҳақиқатан чунин буд. Ақидае васеъ паҳн гаштааст, ки дар ин ҷо шаҷараи Исо аз тарафи Марям оварда мешавад. Таваҷҷуҳ намоед: ояти 23 намегӯяд, ки Исо писари Юсуф буд, балки *«чунон ки гумон мекарданд, писари Юсуф буд»*. Агар чунин нуқтаи назар дуруст бошад, пас *Элӣ* (ояти 23) хусури Юсуф ва падари Марям буд.

Дар байни тадқиқотчиён ақидае васеъ паҳн гаштааст, ки ин насабномаи Худованд бо сабабҳои зерин ба воситаи Марям таҳқиқ карда мешавад:

1. Аён аст, ки шаҷараи оилавии Юсуф дар Инҷили Матто оварда шудааст (1,2-16).
2. Дар бобҳои аввали Инҷили Луқо ба Марям нисбат ба Юсуф ҷои намоёнтар ҷудо карда шудааст, дар ҳоле ки ин дар Матто баръакс мебошад.
3. Дар байни яҳудиён номҳои занона дар мавриди алоқаҳои насабӣ васеъ истифода намешуданд. Наомадани номи Марям бо ҳамин шарҳ дода мешавад.
4. Дар Матто 1,16 аниқ нишон дода шудааст, ки Яъқуб Юсуфро ба дунё овард. Дар ин ҷо, дар Луқо, гуфта нашудааст, ки Элӣ Юсуфро ба дунё овард; гуфта мешавад, ки Юсуф писари Элӣ буд. «Писар» «домод»-ро ифода карда метавонад.
5. Дар забони нусхаи асл дар пеши ҳар як ном дар насабнома артикли муайянӣ («tou») дар сиғаи генитив («аз они») меистад, *ба ғайр аз як ном*. Ин номи Юсуф мебошад. Маҳз ҳамин истисно ба тахмин кардан маҷбур месозад, ки Юсуф ба насабнома танҳо аз боиси шавҳари Марям буданаш ворид карда шудааст.

Ҳарчанд ба муфассал таҳқиқ намудани насабнома зарурат нест, ба ҳар ҳол ба якчанд нуқтаҳои муҳим диққат додан фоиданок аст:

1. Ин номгӯй нишон медиҳад, ки Марям ба воситаи *Нотон* (ояти 31) аз авлоди *Довуд* буд. Дар Инҷили Матто Исо ҳуқуқи *қонуниро* ба тахти Довуд ба воситаи Сулаймон мерос гирифт.
   Чун писари қонунии Юсуф, Худованд он қисми аҳди Худоро бо Довуд иҷро кард, ки мувофиқи он тахти ӯ ҷовидона давом мекунад. Вале Исо зери лаънати Худо ба Конё (низ бо номи Еҳӯёкин маълум) наафтида, писари ҳақиқии Юсуф буда наметавонист, ки мувофиқи он ҳеҷ касе аз насли ин подшоҳи бадкор комёб намешавад (Ирм. 22,30). Чун писари ҳақиқии Марям, Исо он қисми аҳди Худоро бо

Довуд иҷро кард, ки дар он ба ӯ ваъда дода шудааст, ки *насли ӯ* ҷовидона дар тахт хоҳад буд. Ба воситаи Нотон аз авлоди Довуд буда, ӯ ба зери лаънате ки ба Конё гуфта шуда буд, намеафтид.

2. *Одам* писари *Худо* номида шудааст (ояти 38). Ин фақат онро ифода мекунад, ки ӯ аз тарафи Худо офарида шудааст.
3. Аён аст, ки хатти масеҳӣ дар Худованд Исо ба охир расид. *Дигар ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ* даъвоҳои комилҳуқуқи қонуниро ба тахти Довуд пешниҳод карда наметавонад.

**Г. Тайёрӣ ба воситаи озмоиш (4,1-13)**

**4,1** Дар ҳаёти Худованди мо вақте набуд, ки Ӯ аз Рӯҳулқудс пур набошад, вале ин ҷо дар алоқамандӣ бо озмуда шудани Ӯ оид ба ин аниқ гуфта мешавад. *Аз Рӯҳулқудс пур* будан – пурра ба Ӯ итоат намудан ва пурра ба ҳар як Каломи Худо фармонбардор буданро ифода мекунад. Одаме ки аз Рӯҳ пур аст, аз ҳар гуна гуноҳи бошуурона ва худбинӣ озод аст ва дар ӯ Каломи Худо фаровон сокин аст. Ҳангоме ки Исо *аз Урдун* баргашт, ки дар он ҷо Ӯ таъмид дода шуд, *Рӯҳ* Ӯро *ба биёбон бурд* – эҳтимол, ба биёбони Яҳудо, ки қад-қади соҳили ғарбии Баҳри Мурда ҷойгир буд.

**4,2-3** Дар он ҷо *чиҳил рӯз Ӯро иблис меозмуд – рӯзҳое* ки дар онҳо Худованд *чизе нахӯрд*. Дар охири чиҳил рӯз озмоиши секарата, ки бо онҳо мо зиёдтар шиносем, сар шуд. Аслан озмоишҳо дар се ҷои гуногун рӯй доданд – дар биёбон, дар кӯҳ ва дар парастишгоҳи Уршалим. Ҳақиқӣ будани табиати одамии Исо дар феъли *«гурусна монд»* инъикос ёфтааст. Озмоиши аввалин маҳз ҳамин мақсадро дунболагирӣ мекард. Иблис ба Худованд пешниҳод намуд, ки барои рафъ кардани гуруснагии ҷисмонӣ аз қудрати илоҳии Худ истифода барад. Нозукии ин озмоиш аз он иборат буд, ки худ аз худ чунин амал комилан қонунӣ буд. Вале, агар Исо ин корро мекард, ба иблис гӯш андохта, нодуруст рафтор мекард. Ӯ бояд мувофиқи иродаи Падари Худ амал намояд.

**4,4** *Исо* аз Навиштаи Муқаддас ҷоеро иқтибос оварда, ин озмоишро рад кард (Так. Шар. 8, 3). Итоат ба Каломи Худо нисбат ба қонеъ кунондани талаботҳои ҷисмонӣ хеле муҳимтар аст. Ӯ баҳс намекард. Дарбӣ гуфтааст: «Фақат як мисраъ аз Навишта шайтонро ба хомӯш шудан маҷбур менамояд, вақте ки онро дар қувваи Рӯҳулқудс истифода мебаранд. Дар мубоǐризаи ақидаҳо тамоми сирри қувва дар истифодаи дурусти Каломи Худо мебошад».

**4,5-7** Дар озмоиши дуюм *иблис ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод*. Ба иблис вақти зиёде лозим нашуд, то ҳамаи он чиро, ки ӯ пешниҳод карда метавонад, нишон диҳад. Ӯ на худи ҷаҳонро, балки танҳо *мамлакатҳои* ин *ҷаҳонро* пешниҳод карда метавонист. Ба маънои муайян ӯ *ҳақиқатан* бар мамлакатҳои ҷаҳон қудрат дорад. Аз сабаби гуноҳ кардани одам иблис мири ин ҷаҳон (Юҳ. 12,31; 14,30; 16,11), худои ин дунё (2Қур. 4,4), мире ки дар ҳаво ҳукмрон аст (Эфс. 2,2) гардид. Мақсади Худо бошад чунин аст, то «подшоҳии ҷаҳон подшоҳии Худованди мо ва Масеҳи Ӯ гардад» (Ваҳй 11,15). Ба ин тариқ, иблис ба Масеҳ он чиро пешниҳод намуд, ки дар оянда ба ҳар ҳол ба ӯ тааллуқ хоҳад дошт.

Вале ба тахт роҳи кӯтоҳ буда наметавонист. Пешопеши он салиб буд. Дар шӯрои худ Худо пешакӣ муқаррар намуд, ки Худованд Исо пеш аз ба ҷалоли Худ ворид шудан бояд азоб кашад. Ӯ мақсадҳои қонуниро бо воситаҳои нодуруст ноил шуда наметавонист. Дар ҳеҷ сурат Ӯ ба иблис *саҷда* намекунад, новобаста ба он ки ба Ӯ чӣ гуна мукофот пешниҳод карда шудааст.

**4,8** Инак, Худованд аз Такрори Шариат 6,13 суханонро иқтибос овард, то нишон диҳад, ки Ӯ чун Одам, бояд танҳо ба Худо ибодат кунад *ва* хизмат намояд.

**4,9-11** Дар озмоиши сеюм иблис Ӯро *ба Уршалим* бурд, ба *кунгураи ибодатгоҳ* гузошт ва ба Ӯ пешниҳод кард, ки Худро *ба зер андозад*. Магар Худо дар Забур 90,11.12 ваъда надодааст, ки Ӯ Масеҳро муҳофизат мекунад? Эҳтимол, иблис Исоро меозмуд, то ки ӯ намоиши ҳангоманок нишон дода, Худро чун Масеҳ зоҳир кунад. Малокӣ пешгӯӣ намуд, ки Масеҳ ба парастишгоҳи худ ногаҳон меояд (Мал. 3,1). Яъне, дар ин ҷо ба Исо имконияти ба Ҷолҷолто набаромада ба даст овардани ҷалол ва шуҳрати Халоскунандаи ваъдашуда дода шуда буд.

**4,12** Дафъаи сеюм Исо аз Навиштаи Муқаддас суханонро мисол оварда, озмоишро рад кард. Такрори Шариат 6,16 озмудани *Худоро* манъ мекунад.

**4,13** *Иблиси* бо шамшери Рӯҳулқудс дур андохташуда *то муддате* аз Исо дур шуд. Озмоишҳо одатан на чун селоб мерезанд, балки чун мавҷҳо ғелида меоянд.

Дар бораи озмоиш сухан ронда якчанд ҷузъҳои иловагиро бояд ёдовар шуд:

1. Пайдарпаии озмоишҳо дар Луқо аз Матто фарқ мекунад. Озмоиши дуюм ва сеюм ба дигар тартиб ҷойгир кунонида шудааст; сабаби ин равшан нест.
2. Дар ҳамаи се ҳодиса мақсади ба Исо пешниҳодшуда дуруст аст, вале воситаҳои ба даст овардани онҳо нодурустанд. Ба иблис итоат кардан, ба ӯ ё ба ҳар кадом мавҷудоти офаридашудаи дигар саҷда намудан ва санҷидани Худо ҳамеша нодуруст аст.
3. Озмоиши якум ба ҷисм, дуюм ба ҷон ва сеюм бошад – ба рӯҳ дахл дошт. Онҳо мувофиқан ба шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагӣ дахл мекарданд.
4. Ҳамаи се озмоиш дар атрофи се орзуи пурқувваттарини фитрати одамӣ чарх мезананд – талаботи ҷисмонӣ, шавқи қудрат ва моликият, ва ҳамчунин хоҳиши аз тарафи умум эътироф шудан. Шогирдон чӣ қадар зуд-зуд ба озмоиши роҳи қулай ва ҳузуру ҳаловатро интихоб кардан, дар ҷаҳон ба мавқеи намоён кӯшидан ва дар ҷамоат мавқеи баландро ишғол намудан дучор мешаванд.
5. Дар ҳамаи се озмоиш иблис забони диниро истифода бурд ва бо худи ҳамин озмоишро ба либоси зоҳирии бовиқор печонид. Ӯ ҳатто оятҳои Навиштаи Муқаддасро иқтибос меовард (ояти 10.11).

Ҷеймс Стюарт хеле аниқ қайд гуфтаас:

*Омӯзиши тасвири озмоишҳо ду лаҳзаи муҳимро равшанӣ меандозад. Аз як тараф, он исбот мекунад, ки озмоиш – на ҳатман гуноҳ аст. Аз тарафи дигар, ин нақл ба бузургтарин суханони шогирди дертарин (Павлус) равшанӣ меандозад. Ӯ чунин навиштааст: «Зеро, чӣ тавре ки Худи Ӯ аз озмоиш гузашта, азоб кашидааст, ба озмудашавандагон низ метавонад мадад расонад» (Ибр. 2,18).*[8]

Баъзан ақидаеро баён менамоянд, ки агар Исо гуноҳ карда наметавонист, озмоиш беҳуда мебуд. Ҳақиқат он аст, ки Исо Худост, Худо бошад гуноҳ карда наметавонад. Худованд Исо ҳеҷ гоҳ аз ҳеҷ яке аз хусусиятҳои илоҳӣ даст намекашид. Илоҳияти Ӯ ҳангоми дар замин зистани Ӯ ниҳон буд, вале он ба як тараф гузошта шуда наметавонист. Баъзеҳо мегӯянд, ки чун Худо, Ӯ гуноҳ карда наметавонист, лекин, чун Одам, метавонист. Вале Ӯ то ба ҳол ҳам Худо, ҳам Одам аст, ва ҳатто андеша кардан мумкин нест, ки Ӯ ҳозир гуноҳ карда метавониста бошад. Мақсади озмоиш на дар он аст, то бинанд, оё Ӯ метавонист гуноҳ кунад, балки исбот намоянд, ки Ӯ гуноҳ карда наметавонист. Танҳо Одами Қуддус, бегуноҳ, Раҳокунандаи мо буда метавонист.

## Ғ. Тайёрӣ ба воситаи таълимот (4,14-30)

**4,14-15** Дар байни оятҳои 13 ва 14 – як сол фосила ҳаст. Дар давоми ин вақт Худованд дар Яҳудо хизмат мекард. Ягона зикр дар бораи ин хизмат дар Юҳанно 2-5 ҳаст.

Ҳангоме ки *Исо бо қуввати рӯҳ ба Ҷалил баргашт,* то соли дуюми хизмати ҷамъиятии Худро шуруъ намояд, овоза дар бораи Ӯ *дар тамоми гирду атроф паҳн шуд*. Вақте ки Ӯ дар куништҳои яҳудиён *таълим медод,* Ӯро дар ҳама ҷо ситоиш мекарданд.

**4,16-21** Дар *Носира,* шаҳри кӯдакии Худ, Исо аз рӯи одати Худ, *рӯзи шанбе ба куништ* даромад. Боз ду коре ҳаст, ки онҳоро, чӣ хеле ки мо мехонем, Ӯ мунтазам мекард. Ӯ мунтазам дуо мегуфт (Луқ. 22,39), ва Ӯ аз рӯи одат, дигаронро таълим медод (Марқ. 10,1). Ҳангоми яке аз ташрифҳо ба *куништ* Ӯ барои *хондани* Навиштаи Аҳди Қадим бархост. Ходим ба ӯ лӯлапечи дастнависро дод, ки дар он пешгӯии Ишаъё навишта шуда буд. Худованд дастнависро дар ҳамон ҷое кушод, ки ба мо чун боби 61-уми Китоби Ишаъё пайғамбар маълум аст ва ояти 1 ва аввали ояти 2-ро хонд. Ин порча ҳамеша чун тасвири хизмати Масеҳ машҳур буд. Вақте ки Исо гуфт: *«Имрӯз ин Навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст»* – Ӯ равшан дар бораи он изҳор намуд, ки Ӯ Масеҳи Исроил аст.

Ба мақсадҳои инқилобии хизмати Масеҳ таваҷҷуҳ намоед. Ӯ барои он омад, ки бо мушкилоти мудҳише ки дар тӯли тамоми таърих офати инсоният буданд, машғул шавад:

- *Камбағалӣ.* Ба бенавоён башорат додан.
- *Ғам.* Дилҳои шикастаро шифо бахшидан.
- *Ғуломӣ.* Ба асирон озодиро мавъиза намудан.
- *Азоб.* Ба нобиноён биноӣ додан.
- *Зулм.* Ситамдидагонро озод кардан.

Алқисса, Ӯ барои мавъизаи соли писандидаи Худованд омад – субҳи давраи нав барои одамизоди шикояткунанда ва навҳақунандаи ин ҷаҳон. Ӯ Худро чун ҷавоб ба ҳамаи бемориҳое ки моро азият медиҳанд, нишон дод. Ва ин ҳақиқат аст, новобаста ба он ки оё мо дар ин ҳол оид ба бемориҳои ҷисмонӣ фикр мекунем ё рӯҳонӣ. Масеҳ – ана ҷавоб ба онҳо.

Қироатро дар суханҳои *«соли писандидаи Худовандро мавъиза намоям»* қатъ намудани Ӯ тасодуфӣ набуд. Ӯ иқтибос овардани ин суханонро аз Ишаъё давом надод: «... ва рӯзи интиқоми Худои моро». Мақсади омадани аввалини Ӯ – *соли писандидаи Худовандро мавъиза намудан* буд. Асри файзи ҳозира – вақти писандида ва рӯзи наҷот аст. Вақте ки Ӯ бори дуюм ба замин бармегардад, он гоҳ рӯзи қасосгирии Худои моро эълон мекунад. Диққат диҳед, ки оид ба замони *писандида* чун дар бораи *сол* гуфта шудааст, вақти қасос бошад – *рӯз* аст.

**4,22** Маълум аст, ки ин суханон барои одамон хеле таъсирбахш буданд. Онҳо дар бораи Ӯ суханони нек мегуфтанд, зеро онҳоро *суханони пурфайзи* Ӯ ҷалб мекарданд. Барои онҳо он чиз сир буд, ки *писари Юсуф,* дуредгар, чунин инкишофи хуб ба даст овард.

**4,23** Худованд медонист, ки шуҳрати Ӯ рӯякист. Одамон моҳият ва арзиши ҳақиқии Ӯро дар асл намефаҳмиданд. Барои онҳо Ӯ фақат яке аз ҳамдеҳаҳо буд, ки дар Кафарнаҳум кадом як кори хубе ба амал оварда буд. Ӯ медонист, ки онҳо ба Ӯ гуфта метавонанд: *«Эй Табиб! Худатро шифо деҳ»*. Одатан ин мақол чунин маъно дошт: «Он чиро ки ба дигарон кардӣ, ба худат кун. Агар ту мегӯӣ, ки дигаронро табобат менамоӣ, пас, ҳолати шахсии худро табобат намо». Вале дар ин ҷо маъно як дараҷа фарқ мекунад. Он дар суханони баъдина шарҳ дода мешавад: *«Ҳар он чи шунидаем, ки дар Кафарнаҳум рӯй додааст, ин ҷо низ, дар ватани Худ бикун»*. Ин даъвати таҳқиромезе буд, то ки Ӯ дар Носира муъҷиза ба амал оварад, чунон ки Ӯ дар дигар ҷойҳо ин тавр карда буд, ва бо ҳамин Худро аз тамасхур халос кунад.

**4,24-27** Дар ҷавоб Худованд қоидаеро баён намуд, ки дар таҷрибаи одамӣ амиқ ҷойгир шудааст: одамони бузургро дар ватани *худи* онҳо қадр намекунанд. Баъд Ӯ ду ҳодисаи машҳурро аз Аҳди Қадим ёдовар шуд, вақте ки пайғамбарони Худо дар назди халқи Исроил беҳурмат буданд ва дар натиҷа ба назди ғайрияҳудиён фиристода шуда буданд. Вақте ки дар шаҳри Исроил *гуруснагии сахте рӯй дод, Илёс* ба назди ягон нафар бевазани яҳудӣ фиристода нашуд, ҳарчанд шумораи онҳо зиёд буд, балки Худо ӯро ба назди *бевазани* ғайрияҳудӣ дар *Сидӯн* равона кард. Ва ҳарчанд дар айёми хизмати *Элишоъ* ҳамчунин *бисёр махавиён дар Исроил буданд,* ӯ ба ёрии ҳеҷ яки онҳо наомад. Ба ҷои ин ӯ ба назди *Наамони* ғайрияҳудӣ, сарлашкари лашкари арамиён фиристода шуда буд. Ба худ тасаввур намоед, ки суханони Исо ба яҳудиён чӣ хел таъсир карданд. Онҳо занон, ғайрияҳудиён ва махавиёнро ба зинаи пасттарини ҷамъиятӣ мегузоштанд. Вале ин ҷо Худованд қасдан ин серо аз яҳудиёни беимон *болотар* ҷойгир мекунад! Ӯ айнан дар бораи он мегуфт, ки ҳодисаҳои Аҳди Қадим такрор хоҳанд шуд. Ба муъҷизаҳои Ӯ нигоҳ накарда, Ӯро на танҳо шаҳри Носира, балки ҳамчунин тамоми халқи Исроил инкор хоҳад кард. Баъд Ӯ ба ғайрияҳудиён рӯ меоварад, чунон ки Илёс ва Элишоъ карда буданд.

**4,28** Мардуми Носира аниқ фаҳмиданд, ки Ӯ чиро дар назар дошт. Онҳо танҳо аз як худи ёдраскунӣ оид ба марҳамати ба ғайрияҳудиён зоҳиршуда дар ғазаб мешуданд. Усқуф Райл шарҳ медиҳад:

*Одамон таълимот дар бораи соҳибихтиёрии Худоро, ки Масеҳ онро ин ҷо эълон намуд, хеле бад мебинанд. Худо тамоман маҷбур нест дар байни онҳо муъҷиза ба амал оварад.*[9]

**4,29-30** Мардум бархоста *Ӯро аз шаҳр бадар карданд ва бар қуллаи кӯҳе бурданд, то ки Ӯро ба зер афкананд.* Бешубҳа, ин макри иблис, боз як кӯшиши нест кардани Ворисй шоҳ буд. Вале Исо ба тарзи муъҷизанок аз миёни анбӯҳ гузашт ва шаҳрро тарк карда рафт. Душманон аз нигоҳ доштани Ӯ оҷиз буданд. Чунон ки ба мо маълум аст, Ӯ дигар ҳеҷ гоҳ ба Носира барнагашт.

## IV. ПИСАРИ ОДАМ ҚУДРАТИ ХУДРО ИСБОТ МЕКУНАД (4,31–5,26)

### А. Қудрат бар рӯҳи нопок (4,31-37)

**4,31-34** Он чи Носира аз даст дод, барои Кафарнаҳум дастовард гардид. Мардуми ин шаҳр таълимоти Исоро эътиборнок эътироф намуданд. Суханони Ӯ бовар мекунонданд ва шавқманд мегардонданд. Оятҳои 31-41 рӯзи одии шанберо дар зиндагонии Худованд тасвир менамоянд. Дар ин ҷо Ӯ чун Худованд бар рӯҳҳои нопок ва бемориҳо нишон дода шудааст. Аввал Ӯ *ба куништ* рафт ва дар он ҷо бо *касе* вохӯрд, ки *рӯҳи деви нопок дошт.* Сифати «нопок» зуд-зуд барои тасвири рӯҳи бад истифода мешавад. Вай онро ифода мекунад, ки онҳо худашон нопоканд ва дар зиндагонии қурбонии худ нопокиро ба вуҷуд меоваранд. Дар ин порча ҳақиқӣ будани девзада будан аён аст. Пеш аз ҳама рӯҳи нопок фарёди даҳшат баровард: *«Ба мо чӣ кор дорӣ?».* Баъд рӯҳ аниқ нишон дод, ки медонад Исо Кист – *Қуддуси Худо,* ки Ӯ охири охирон бар лашкари иблис ғалаба мекунад.

**4,35** Исо ба дев талаби дукарата кард: *«Хомӯш шав ва аз вай берун ой!»* Дев ҳамин тавр ҳам кард, аввал одамро ба замин афтонд, вале ҳеҷ осебе ба ӯ нарасонд.

**4,36-37** Мардум *ба воҳима* афтода буданд! Дар суханони Исо чӣ чизе буд, ки *рӯҳҳои нопок* ҳам ба Ӯ итоат менамуданд? Ин чӣ *қудрат ва қуввати* фавқулода буд, ки бо он Ӯ сухан меронд? Ҳайратовар нест, ки *овозаи Ӯ дар тамоми гирду атроф паҳн шуд!*

Ҳамаи муъҷизаҳои ҷисмонии Исо тасвири муъҷизаҳое мебошанд, ки Ӯ дар доираи рӯҳонӣ ба амал меоварад. Масалан, аз муъҷизаҳои дар зер номбаршудаи Инҷили Луқо дарси ибрати зерин мебарояд:

- берун овардани рӯҳи нопок (4,31-37) – халос шудан аз иллат ва нопокии гуноҳ;
- шифо додани модарарӯси Петрус (4,38. 39) – озод шудан аз нооромӣ ва заифие ки аз боиси гуноҳ аст;
- шифо додани махавӣ (5,12-16) – барқароршавӣ аз кароҳатангезӣ ва чоранопазирии гуноҳ (ниг. ҳамчунин 17,11-19);
- мафлуҷ (5,17-26) – озодӣ аз фалаҷи рӯҳонӣ ва имконияти ба Худо хизмат кардан;
- растохези писари бевазан (7,11-17) – гуноҳкорон дар қонунвайронкунӣ ва гуноҳ мурдаанд ва ба ҳаёт эҳтиёҷ доранд (ниг. ҳамчунин 8,49-56);
- ором кардани тӯфон дар баҳр (8,22-25) – Масеҳ тӯфонеро идора кардан метавонад, ки он дар зиндагонии шогирдони Ӯ талотум мекунад;
- легиони девҳо (8,26-39) – гуноҳ аз пайи худ тааддӣ ва ҷунунро меоварад ва одамонро аз ҷамъияти бофарҳанг берун мекунад. Худованд созгорӣ, осудахотирӣ ва мушоракат бо Ӯро ато менамояд;
- зане, ки домани Ӯро ламс кард (8,43-48) – бенавоӣ ва маъюсӣ чун натиҷаи гуноҳ;
- сер шудани панҷ ҳазор нафар (9,10-17) – ҷаҳони пургуноҳ ба нони Худо эҳтиёҷ дорад; Масеҳ ин эҳтиёҷотро ба воситаи шогирдони Худ қонеъ мегардонад;
- писари девзада (9,37-43а) – бераҳмӣ ва тааддии гуноҳ ва қувваи шифобахшандаи Масеҳ;
- зани гирифтори рӯҳи заъф (13,10-17) – гуноҳ шаклро тағйир медиҳад ва чангак мезанонад, даст расондани Исо барқароршавии пурраро меоварад;
- одами гирифтори бемории обхӯрак (14,1-6) – гуноҳ нобобиҳо, ноумедӣ ва хатар ба вуҷуд меоварад;
- гадои кӯр (18,35-43) – гуноҳ чашмони одамонро барои ҳақиқатҳои абадӣ мепӯшонад. Дар натиҷаи аз нав таввалуд шудан чашмҳо кушода мешаванд.

### Б. Қудрат бар таб (4,38-39)

**4,38-39** Сипас аз Исо хоҳиш намуданд, ки *ба хонаи Шимъун* биёяд, ки дар он ҷо *модарарӯси Шимъун таби баланд дошт.* Ҳамин ки Худованд *табро манъ кард, он паст шуд.* Шифоёбӣ на танҳо фаврӣ буд, балки комил ҳам буд, зеро зан бархост ва хизмати хонаро карда тавонист. Одатан баъд аз таби баланд одам худро суст ва беҳол ҳис менамояд. (Тарафдорони безании коҳинон дар ин порча барои худ тасаллии каме меёбанд. Петрус одами оиладор буд!)

### В. Қудрат бар беморихо ва девхо (4,40-41)

**4,40** Азбаски шанбе ба охир мерасид, одамон аз бекории маҷбурӣ озод мешуданд; онҳо *ба назди Ӯ* маъюбони зиёд ва девонаҳоро *меоваранд*. Ҳеҷ кадоми онҳо беҳуда наомад. Ӯ ҳар киро, ки бемор буд, *шифо медод* ва девҳоро берун мекард. Аксари онҳое ки даъвои аз рӯи имон шифо доданро доранд, муъҷизаҳои худро бо номзадҳои интихобшуда маҳдуд мекунанд. Исо *ҳамаро* шифо медод.

**4,41** *Девҳои* берун кардашуда медонистанд, ки Исо – *Масеҳ, Писари Худост*. Вале Ӯ шаҳодати девҳоро қабул намекард. Онҳоро ба хомӯш шудан маҷбур кардан лозим буд. *Онҳо медонанд, ки Ӯ* – Масеҳ аст, вале Худо воситаҳои дигар, беҳтареро барои эълони ин далел доро буд.

### Г. Қудрати роҳравон мавъиза кардан (4,42-44)

**4,42-44** *Рӯзи* дигар Исо *ба ҷои хилват* дар наздикии Кафарнаҳум рафт. *Мардум Ӯро кофта* ёфтанд. Онҳо зорию тавалло мекарданд, ки Ӯ наравад. Вале Исо ба онҳо хотиррасон кард, ки хизмати Худро дар *шаҳрҳои дигари Ҷалил* ҳам бояд ба амал оварад. Инак, аз куништ ба куништ, Ӯ мерафт ва Хушхабарро дар бораи *Подшоҳии Худо башорат медод*. Исо Худаш Подшоҳ буд. Ӯ бар одамон ҳукмронӣ кардан мехост. Вале пеш аз ин онҳо бояд тавба мекарданд. Ӯ бар онҳое ки ба гуноҳҳои худ маҳкам мечаспанд, ҳукмронӣ намекард. Ин монеа буд. Онҳо бошанд на аз гуноҳҳои худ, балки аз мушкилоти сиёсӣ наҷот ёфтан мехостанд.

### Ғ. Қудрати омӯзондани дигарон: даъвати шогирдон (5,1-11)

**5,1-11** Аз хабари одӣ оид ба даъвати Петрус якчанд дарси муҳим мебароянд:

1. Худованд *киштии* Петрусро чун минбаре ки аз он Ӯ ба мардум мавъиза менамуд, истифода бурд. Агар мо ба Худованд ҳама моликияти ба мо тааллуқдоштаро диҳем, пас Ӯ ба тариқи аҷибе онро истифода мебарад ва ҳамчунин ба мо мукофот медиҳад.
2. Баъд аз он ки Петрус ва дигарон *тамоми шаб* меҳнати вазнин ва бемуваффақият карданд, Ӯ ба Петрус аниқ нишон дод, ки дар куҷо моҳии зиёдро ёфтан мумкин аст. Худованди ҳамадон дар куҷо шино кардани моҳиро медонад. Хизмате ки аз рӯи хирад ва қувваи шахсии мо ба амал меояд, бемуваффақият хоҳад буд. Сирри муваффақияти меҳнати масеҳӣ аз он иборат аст, ки Худованд моро роҳбарӣ мекунад.
3. Ҳарчанд худи Петрус моҳигири таҷрибанок буд, ӯ аз Дуредгар панд гирифт ва дар натиҷа тӯрҳо пур шуданд. *«Аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам»,* – ин суханон арзиши фурӯтанӣ, таъсирпазирӣ ба панд ва фармонбардории дохилиро нишон медиҳад.
4. Онҳо дар *чуқуроб* буданд, вақте ки *тӯр* то ба охир пур шуд ва қариб *кафид*. Ҳамчунин мо ҳам бояд ба соҳил маҳкам часпиданро бас кунем ва ба баҳри кушоди бахшидашавии пурра бароем. Имон амиқии худро дар уқубат, ғам ва талафот дорад. Маҳз ҳамин чуқуриҳо тӯрҳоро самаранок пур мекунанд.
5. *Тӯри онҳо* кафида сар кард, қаиқҳо бошанд *қариб буд зери об раванд* (ояти 6-7). Хизмат дар зери роҳбарии Масеҳ мушкилот ба амал меоварад – вале аз ин мушкилот чӣ қадар хурсандӣ ҳаст. Ин мушкилоте мебошанд, ки онҳо дили моҳигири ҳақиқиро ба ҳаяҷон меоранд.
6. Дидани ҷалоли Худованд Исо дар *Петрус* ҳисси ҳузновари ношоистагии шахсии худро ба вуҷуд овард. Бо Ишаъё низ ҳамчунин буд (Иш. 6,5); ҳамон чиз бо ҳамаи онҳое ки Подшоҳро дар зебоии Ӯ мебинанд, рӯй медиҳад (Иш. 33,17).
7. Масеҳ Петрусро ба сайёди *одамон* шудан вақте даъват кард, ки ӯ бо меҳнати муқаррарии худ машғул буд. Роҳнамоиро интизор шуда, бо меҳнатҳое ки дастҳоятон меёбанд, машғул шавед. Ин корро бо ҷидду ҷаҳд кунед! Инро аз таҳти дил барои Худованд кунед! Чунон ки суккон танҳо ҳангоми дар ҳаракат будани киштӣ онро идора мекунад, Худо ҳам одамонро вақте ки онҳо дар ҳаракат мебошанд, роҳбарӣ мекунад.

8. Масеҳ Петрусро аз сайди моҳӣ ба сайди одамон, ё, агар айнан тарҷума карда шавад, ба «зинда гирифтани одамон» даъват намуд. Дар муқоиса ба хурсандии беандозаи дидани он, ки як ҷон барои Масеҳ ва барои абадият ба даст оварда мешавад, тамоми моҳиҳо дар уқёнус чистанд?
9. Петрус, *Яъқуб ва Юҳанно* ҳар ду қаиқро ба соҳил кашида баровarданд, дар яке аз рӯзҳои пурбарортарини худ *ҳама* чизро *тарк карда, аз паси* Исо *равона шуданд.* Ба қарори онҳо чӣ андоза чизҳои зиёд вобаста буд! Шояд, мо ҳеҷ гоҳ дар бораи онҳо намешунидем, агар онҳо дар назди қаиқҳои худ монданро афзал медонистанд.

**Д. Қудрат бар махав (5,12-16)**

**5,12** Табиб Луқо он далелро махсус ёдовар мешавад, ки *одам пур аз махав* буд. Ин ҳолати вазниншудаи махав буд ва дар фаҳмиши одамӣ, мутлақо чоранопазир буд. Вале махавӣ имони аҷоиб дошт. Ӯ гуфт: *«Ту метавонӣ маро пок кунӣ»*. Ӯ инро ба ҳеҷ кадом дигар кас дар ҷаҳон гуфта наметавонист. Вале, ӯ ба қувваи *Худованд* мутлақо боварӣ дошт. Вақте ӯ *«агар хоҳӣ»* гуфт, ӯ шубҳаро дар хоҳиши Масеҳ ифода намекард. Ӯ, аниқтараш, чун илтимоскунандае меомад, ки ҳеҷ ҳуқуқе ба шифо надорад, вале худро ба марҳамат ва файзи Худованд супоридааст.

**5,13** Аз нуқтаи назари тиб ба махавӣ даст расонидан хатарнок буд. Ин аз нуқтаи назари динӣ ҳаром шудан ва аз нуқтаи назари иҷтимоӣ таназзул буд, вале Наҷотдиҳанда ба ҳеҷ гуна нопокӣ гирифтор нашуд. Баръакс, ба бадани махавӣ сели шифо ва саломатӣ борид. Ин шифоёбии тадриҷӣ набуд: *дарҳол махав аз вай нест шуд.* Андеша намоед, барои ин махавии ноумед, нотавон бақароршавии пурра дар як лаҳзаи вақт чиро бояд ифода мекард!

**5,14** Исо ба ӯ фармуд, ки *ба ҳеҷ кас* дар бораи шифо ёфтанаш нагӯяд. Наҷотдиҳанда намехост тӯдаи ҳангоматалабонро ҷалб кунад, ё ҳаракати халқиро барои Подшоҳ эълон намудани Ӯ барангезад. Баръакс, Худованд ба махавӣ фармуд, ки *рафта худро ба коҳин нишон диҳад ва барои пок шудани худ он чиро, ки, ки Мусо фармудааст, тақдим кунад* (Иб. 14,4). Ҳар як ҷузъи қурбониоварӣ оид ба Масеҳ мегуфт. *Коҳин* вазифадор буд, ки махавиро таҳқиқ намояд ва муайян намояд, ки ӯ ҳақиқатан шифо ёфтааст. Коҳин *шифо бахшида* наметавонист; ӯ фақат одамро шифоёфта *эълон карда* метавонист. Ин коҳин пеш ҳеҷ гоҳ махавии покшударо надида буд. Ин ҳодисаи нодир буд; ба воситаи он ӯ бояд мефаҳмид, ки охируламр Масеҳ омадааст. Ин ҳодиса ба ҳамаи коҳинон бояд чун *шаҳодат* хизмат мекард. Вале дилҳои онҳо аз беимонӣ кӯр шуда буданд.

**5,15-16** Агарчи Худованд фармуда буд, ки муъҷиза овоза карда нашавад, ба ҳар ҳол овоза зуд паҳн шуд ва *шумораи зиёди мардум* назди Ӯ барои шифоёбӣ ҷамъ меомаданд. Исо зуд-зуд барои дар дуо гузаронидани вақт *ба ҷойҳои хилват мерафт.* Наҷотдиҳандаи мо Марди дуо буд. Асоснок аст, ки ин Инҷиле ки Ӯро чун Писари Одам нишон медиҳад, дар бораи ҳаёти дуогӯёнаи Ӯ зиёдтар нақл мекунад.

**Е. Қудрат бар фалаҷ (шал шудан) (5,17-26)**

**5,17** Ба андозаи паҳн шудани овоза дар бораи хизмати Исо муносибати *фарисиён ва муаллимони шариат* боз ҳам душманонатар мешуд. Дар ин ҷо мо мехонем, ки онҳо дар Ҷалил бо нияти дар Ӯ ёфтани ягон айбе ҷамъ шуданд. *Қуввати Худованд дар шифо додани* беморон *зоҳир шуд.* Аслан Исо ҳамеша қувваи шифобахширо доро буд, вале ба ин на ҳамеша шароит мусоидат мекард. Дар Носира, масалан, Ӯ аз сабаби нобоварии халқ наметавонист бисёр корҳои бузургро ба амал оварад (Мат. 13,58).

**5,18-19** Ба назди хонае ки дар он Исо таълим медод, чор кас марди шалеро *бо бистараш бардошта оварданд. Онҳо* аз сабаби *бисёрии мардум* ӯро ба назди Исо гузаронда натавонистанд, бинобар ин бо зинапояи берунӣ ба болои бом баромаданд. Баъд, сафолҳои бомпӯширо ҷудо карда гирифта, онҳо одамро ба воситаи шикофии бом ба поён фароварданд.

**5,20-21** Исо ба *имоне,* ки онҳоро ба овардани муҳтоҷ ба назди Ӯ водор карда буд,

таваҷҷуҳ зоҳир намуд. *Ва Ӯ, имони онҳоро дида,* яъне имони чор шахс бо иловаи шахси маъюб, ба мафлуҷ *гуфт: «Гуноҳҳои ту бахшида шуданд».* Ин суханони бемисл *китобдонон ва фарисиёнро* ба шӯр оварданд. Онҳо медонистанд, ки ҳеҷ кас, ба ғайр аз як худи *Худо, гуноҳҳоро бахшида* наметавонад. Худо будани Исоро эътироф кардан нахоста, онҳо ғавғо бардоштанд, ки Ӯ куфр мегӯяд.

**5,22-23** Он гоҳ Исо ба онҳо исбот кард, ки Ӯ ҳақиқатан гуноҳи одамро бахшид. Пеш аз ҳама Ӯ аз онҳо пурсид, ки гуфтани чӣ *осонтар аст: «Гуноҳҳои ту бахшида шуданд», ё гуфтани: «Бархез ва равона шав»?* Ба маънои муайян *гуфтани* ҳам ин ва ҳам он осон аст, вале *ба амал овардани* онҳо тамоман кори дигар аст, зеро ҳам ин ва ҳам он барои одамон ғайриимкон аст. Ин ҷо мақсад, аз афташ, он аст, ки *«Гуноҳҳои ту бахшида шуданд»* гуфтан осонтар аст, зеро рӯй додан ё надодани инро дидан ғайриимкон аст. Агар *«Бархез ва равона шав»* гӯем, пас дидан мумкин аст, ки оё бемор шифо ёфт.

Фарисиён *дида* наметавонистанд, ки оё одам бахшида шуд, бинобар ин онҳо бовар накарданд. Бинобар ин Исо муъҷизае ба амал овард, ки онҳо *дида* метавонистанд ва ин барои исботи он буд, ки Ӯ ҳақиқатан гуноҳи одамро бахшид. Ӯ ба марди шал қувваи роҳ рафтанро дод.

**5,24** *«Лекин то донед, ки Писари Одам дар рӯи замин қудрати бахшидани гуноҳҳоро дорад».* Унвони *«Писари Одам»* табиати мукаммали одамии Худовандро таъкид мекунад. Ба маънои муайян ҳамаи мо писарони одамем, вале унвони «Писари Одам», бо ҳарфи калон, Исоро дар байни ҳамаи одамон ҷудо мекунад. Вай Ӯро чун одаме тасвир менамояд, ки ба Худо мувофиқат мекунад, Оне ки камолоти ахлоқӣ дорад, Оне ки азоб мекашад, хунашро мерезад ва мемирад ва Оне ки сарварии олам ба Ӯ дода шудааст.

**5,25** Ба суханони Ӯ итоат намуда, мафлуҷ бархост, бистари худро гирифт ва *Худоро ҳамду сано гуфта,* ба хонаи худ рафт.

**5,26** Ва ҳамаро ба маънои аслӣ *ҳайрат* фаро гирифт ва онҳо ҳамчунин *Худоро ҳамду сано мехонданд,* мегуфтанд, ки дар он рӯз *корҳои* аҷоибе *диданд,* ва маҳз: эълони бахшида шудан ва муъҷизае ки инро тасдиқ мекард.

## V. ПИСАРИ ОДАМ ХИЗМАТИ ХУДРО ШАРҲ МЕДИҲАД (5,27–6,49)

### А. Даъвати Левӣ (5,27-28)

**5,27-28** Левӣ яҳудии *боҷгир* буд, ки барои ҳукумати Рум боҷ ҷамъ мекард. Яҳудиён-ҳамқавмҳо чунин одамонро на танҳо барои ҳамкории онҳо бо Рум, балки барои фиребгарӣ ҳам бад медиданд. Боре ҳангоме ки Левӣ машғули кор буд, Исо аз назди ӯ гузашта вайро даъват намуд, ки пайравӣ Ӯ шавад. Бо майли том Левӣ *ҳама чизро тарк карда бархест ва аз пайи Ӯ равона шуд.* Дар бораи оқибатҳои аҷибе ки чунин қарори одӣ ба амал овард, андеша намоед. Левӣ, ё Матто, нависандаи Инҷили якум гашт. Барои ин меарзад, ки кас ба даъвати Худованд гӯш андохта, аз пайи Ӯ равад.

### Б. Ҷаро Писари Одам гуноҳкоронро даъват менамояд (5,29-32)

**5,29-30** Мулоҳизае ҳаст, ки *зиёфати калоне* ороста, *Левӣ* се мақсадро дунболагирӣ мекард. Ӯ мехост ба Худованд арзи эҳтиром намояд, дар назди ҳама оид ба ақидаҳои наваш шаҳодат диҳад ва ҳамчунин ба Исо дӯстони худро шиносонад. Қисми зиёди яҳудиён бо бисёрии *боҷгирон* дар сари як дастархон наменишастанд. Исо *бо боҷгирон ва гуноҳкорон* хӯрок мехӯрд. Ӯ, албатта, ба гуноҳҳои онҳо бепарвоёна муносибат намекард ва ҳеҷ коре намекард, ки шаҳодати Ӯро беэътибор карда тавонад, вале Ӯ ин вохӯриҳоро чун восита барои таълим додан, сарзаниш кардан ва баракат додан истифода мебурд.

*Китобдонон ва фарисиён,*[10] бошанд, Исоро барои алоқа бо ин одамони ҳақир, партовҳои ҷамъият, танқид мекарданд.

**5,31** *Исо дар ҷавоби онҳо гуфт,* ки амали Ӯ бо мақсади ба ҷаҳон омадани Ӯ комилан мувофиқат мекунад. Одамони сиҳат ба табиб муҳтоҷ нестанд, вай танҳо *ба беморон* лозим аст.

**5,32** Фарисиён худро *росткор* меҳисобиданд. Дар онҳо фаҳмиши амиқи гуноҳ ё эҳтиёҷ набуд. Яъне, онҳо аз хизмати Табиби бузург фоида гирифта наметавонистанд. Вале боҷгирон ва гуноҳкорон фаҳмиданд, ки онҳо *гуноҳкоранд* ва ба наҷот ёфтан аз гуноҳҳои

худ эҳтиёҷ доранд. Наҷотдиҳанда маҳз баҳри чунин одамон омад. Аслан фарисиён росткор набуданд. Онҳо низ ба монанди боҷгирон ба наҷот ёфтан муҳтоҷ буданд. Вале онҳо намехостанд дар гуноҳҳои худ иқрор шуда, айби худро эътироф намоянд. Ва бинобар ин онҳо Табибро барои ба назди беморони вазнин омаданаш танқид мекарданд.

### В. Чаро шогирдони Исо рӯза намегирифтанд (5,33-35)

**5,33** Амали дигари фарисиён савол ба Исо оид ба анъанаи рӯза буд. Охир *шогирдони Яҳёи* Таъмиддиҳанда ба зиндагонии гӯшанишинонаи муаллими худ тақлид мекарданд. Пайравони *фарисиён* низ расму русуми сершумори рӯзаро риоя мекарданд. Шогирдони Исо бошад чунин намекарданд. Чаро?

**5,34-35** Худованд дар ҷавоб гуфт, ки азбаски Ӯ алҳол *бо онҳост,* барои шогирдони Ӯ сабаб барои рӯза нест. Дар ин ҷо Ӯ рӯзаро бо андӯҳ ва азодорӣ алоқаманд менамояд. Вақте ки Ӯ *аз онҳо гирифта мешавад* (эҳтимол, бо марг), онҳо бо ин ғами худро ифода намуда *рӯза медоранд.*

### Г. Се масал дар бораи давраи нав (5,36-39)

**5,36** Дар идома се масал меоянд, ки инҳо оид ба он таълим медиҳанд, ки давраи Аҳди Нав сар шуд ва навро бо кӯҳна омехта кардан мумкин нест.

Дар *масали якум* либоси *кӯҳна* рамзи низом ё давраи шариат мебошад, *либоси нав* бошад давраи файзро инъикос менамояд. Онҳо бо ҳам номувофиқанд. Кӯшиши омехтакунии шариат ва файз дар натиҷа ҳам ин ва ҳам онро вайрон мекунад. Дарбеҳи аз либоси нав гирифташуда либоси навро вайрон мекунад ва *ба ҷомаи кӯҳна* низ аз ҷиҳати намуд ва мустаҳкамӣ *мувофиқ намеояд.* Дар ин бора Ҷ. Н. Дарбӣ хеле хуб гуфтааст: «Исо ҳеҷ гоҳ масеҳиятро ба дини яҳудӣ намечаспонд. Ҷисм ва шариат якҷоя меоянд, вале файз ва шариат – адолати илоҳӣ ва одамӣ – ҳеҷ гоҳ омехта намешаванд».

**5,37-38** Масали *дуюм* таълим медиҳад, ки *майи навро ба машкҳои кӯҳна* рехтан кори беақлона аст. Майи нави ҷӯшида ба машкҳо фишор меоварад, ки барои ба ин тоб овардан онҳо дигар чандирии даркориро надоранд. Машкҳо *медаранд* ва май *мерезад.* Шаклҳо, қонунҳо, анъанаҳо ва маросимҳои дини яҳудӣ, ки дар тӯли асрҳо ба вуҷуд омадаанд, ниҳоят сахт буданд, то дар худ хурсандӣ, фаровонӣ ва қувваи давраи навро ҷойгир намоянд. *Машкҳои нав* дар ин боб инъикоси худро дар усулҳои аз қайду шартҳо озоди он чор шахс, ки ба назди Исо марди шалро оварданд, ёфтанд. Майи навро дар тароват ва ҷидду ҷаҳди Левӣ дидан мумкин аст. *Машкҳои кӯҳна* дар дилбазанӣ ва шаклпарастии сарди фарисиён тасвир ёфтаанд.

**5,39** Масали сеюм тасдиқ менамояд, ки *ҳеҷ кас майи кӯҳнаро нӯшида,* майи *навро* афзал намедонад. *Зеро мегӯяд: «Майи кӯҳна хуб аст».* Дар ин ҷо нишон дода шудааст, ки одамон табиатан майл надоранд кӯҳнаро баҳри нав, дини яҳудиро баҳри масеҳият, шариатро баҳри файз, сояро баҳри воқеият тарк кунанд! Чунон ки Дарбӣ мегӯяд: «Ба одаме ки ба шакл, тартиботи одамӣ, дини падарон ва ғайра одат кардааст, ҳеҷ гоҳ принсипи нав ва қувваи Подшоҳӣ писанд намеояд».

### Ғ. Писари Одам – Хоҷаи шанбе (6,1-11)

**6,1-2** Акнун дар назди мо ду ҳодисае мебошанд, ки рӯзи шанбе рӯй додаанд. Онҳо мухолифати афзудаистодаи пешвоёни диниро, ки ба авҷи аълояш мерасид, нишон медиҳанд. Ҳодисаи аввал «рӯзи шанбеи аввалини дуюм» (тарҷумаи таҳтуллафзӣ) рӯй дод. Инро чунин фаҳмидан даркор аст: «шанбеи аввал» шанбеи якум баъд аз Песаҳ буд. Шанбеи дуюм шанбеи пас аз он буд. Инак, дар рӯзи шанбе баъд аз шанбеи якум Худованд ва шогирдони Ӯ *аз миёни киштзор* мегузаштанд. Шогирдон *хӯшаҳоро мечиданд, ба каф* мемолиданд ва *онҳоро мехӯрданд. Фарисиён* онҳоро гуноҳкор карда наметавонистанд, ки онҳо хӯша мечиданд; ин аз рӯи шариат иҷозат дода шуда буд (Так. Шар. 23,25). Онҳо *дар* рӯзи *шанбе* рӯй додани онро маҳкум мекарданд. Онҳо хӯшачиниро ҷамъоварии ҳосил, ба каф *молидани* онҳоро хирманкӯбӣ меҳисобиданд.

**6,3-5** Ҷавоби Худованд, ки мисолро аз ҳаёти Довуд истифода бурд, маънои онро дошт, ки шариат оид ба шанбе ҳеҷ гоҳ меҳнат

аз рӯи заруратро манъ намекард. *Довуди* радшуда ва таъқибшаванда ва одамони ӯ гурусна буданд. *Ӯ ба хонаи Худо даромад* ва *нони тақдимро* гирифт, ки он одатан барои *коҳинон* муқаррар шуда буд.

Худо барои Довуд истисно кард. Исроил дар гуноҳ буд. Подшоҳ рад шуда буд. Лозим набуд, ки шариат оид ба нони тақдим ба ин андоза ғуломвор риоя карда шавад, то ба гуруснагии тадҳиншудаи Худо роҳ дода шавад.

Дар ин ҷо вазъияти ба ин монанд буд. Масеҳ ва шогирдони Ӯ гурусна буданд. Фарисиён яқинан гуруснагии онҳоро назар ба гирифтани гандум дар рӯзи шанбе афзал медонистанд. Вале *Писари Одам Хоҷаи рӯзи шанбе низ мебошад.* Ӯ шариатро барқарор намуд ва ҳеҷ кас наметавонист беҳтар аз Ӯ аҳамияти ҳақиқии рӯҳонии шариатро маънидод намояд ва онро аз фаҳмиши нодуруст озод кунад.

**6,6-8** Ҳодисаи дуюм, дар *рӯзи шанбеи дигар* рӯй дод. Ин шифоёбии мӯъҷизанок буд. *Китобдонон ва фарисиён* бо диққат ва бадқасдона *аз пайи* Исо *мепоиданд, ки шояд Ӯ дар рӯзи шанбе* одами дастхушкро *шифо диҳад.* Исоро дониста истода ва ба таҷрибаи гузашта такя намуда, онҳо сабаби асоснок доштанд чунин ҳисоб кунанд, ки Ӯ ҳамин тавр мекунад. Худованд онҳоро ноумед накард. Ӯ дар аввал *ба одам* фармуд, ки *бархезад* ва ба мобайни ҷамъият ба куништ барояд. Ин амал диққати ҳамаро ба он чизе ки бояд рӯй медод, ҷалб кард.

**6,9** *Он гоҳ Исо* аз мунаққидони Худ пурсид, ки дар рӯзи шанбе чӣ *кор кардан* равост: *некӣ ё бадӣ?* Агар онҳо ҷавоби дуруст медоданд, пас лозим меомад эътироф намоянд, ки дар рӯзи шанбе некӣ кардан дуруст аст, бадӣ кардан бошад нодуруст аст. Агар некӣ кардан дуруст бошад, пас Ӯ ин одамро шифо дода, некӣ мекард. Агар дар рӯзи шанбе *бадӣ* кардан нодуруст бошад, пас барои куштани Худованд Исо суиқасд ташкил намудани онҳо шанберо риоя накардан аст.

**6,10** Аз мухолифон ҷавоб наомад. Он гоҳ Исо ба ин одам фармуд, ки *дасти* хушкшудаашро *дароз кунад.* (Танҳо табиб Луқо ёдовар мешавад, ки ин дасти рост буд). Бо ин фармон қувваи зарурӣ омад. Вақте ки одам итоат кард, *дасташ* ба монанди дигараш *сиҳат шуд.*

**6,11** Фарисиён ва китобдонон *дарғазаб шуданд.* Онҳо Исоро барои риоя накардани шанбе маҳкум кардан мехостанд. Ӯ бошад ҳамагӣ якчанд сухан гуфт – ва одам шифо ёфт. Дар ин ҳеҷ гуна меҳнати ҷисмонӣ набуд. Ва бо вуҷуди ин онҳо барои дастгир кардани Ӯ суиқасд ташкил карданд.

Худо шанберо барои манфиати одам пешбинӣ кард. Дар фаҳмиши дуруст вай меҳнатро аз рӯи зарурат ё амали раҳмдилона манъ намекард.

### Д. Интихоби дувоздаҳ расул (6,12-19)

**6,12** Исо пеш аз интихоби дувоздаҳ нафар *тамоми шаб дуо гуфт.* Чӣ таънаест ба ҳардамхаёлӣ ва мустақилии мо аз Худо! Луқо ягона мураттиби Инҷил аст, ки дар бораи *шаби* дар *дуо* гузаронида ёдовар мешавад.

**6,13-16** *Дувоздаҳ нафар,* ки онҳоро Ӯ аз доираи боз ҳам васеътари *шогирдон интихоб намуд,* инҳо буданд:

1. *Шимъун, ки ӯро Петрус номид,* писари Юнус. Яке аз машҳуртарини расулон.
2. *Андриёс, бародараш.* Ин ҳамон Андриёс буд, ки Петрусро назди Худованд овард.
3. *Яъқуб,* писари Забдой. Ба ӯ имтиёзи бо Юҳанно ба кӯҳи Дигаргуншавӣ баромадан дода шуда буд. Ӯ аз тарафи Ҳиродуси Агрипос I кушта шуд.
4. *Юҳанно,* писари Забдой. Исо Яъқуб ва Юҳанноро «писарони раъд» номид. Ин ҳамон Юҳанност, ки Инҷил ва номаҳои ба номи ӯ номидашуда ва ҳамчунин китоби Ваҳйро навишт.
5. *Филиппус,* зодаи Байт-Сайдо, ки Натанъилро ба назди Исо овард. Бо Филиппус, муждарасон аз китоби Аъмол, омехта накунед.
6. *Барталмо.* Фикр кардан мақбули ҳама мебошад, ки ин номи дуюми Натанъил мебошад. Ӯ фақат дар номгӯйи дувоздаҳ нафар зикр карда шудааст.
7. *Матто,* боҷгир, ки ҳамчунин Левӣ номида мешавад. Ӯ Инҷили якумро навишт.
8. *Тумо,* ки ҳамчунин Дугоник номида мешавад. Ӯ гуфт, ки то исботи боварибахшро набинад, ба растохези Худованд бовар намекунад.
9. *Яъқуб ибни Ҳалфой.* Вай, эҳтимол, ҳамон касе буд, ки баъди аз тарафи Ҳиродус кушта шудани Яъқуб ибни Забдой дар

калисои Уршалим мавқеи масъулиятнокро ишғол намуд.

10. *Шимъун, ки лақабаш Ғаюр буд.* Аз он чи дар Навиштаи Муқаддас навишта шудааст, оид ба ӯ кам маълум аст.

11. *Яҳудо ибни Яъқуб.* Эҳтимол, ӯ муаллифи нома аст, ва маълум аст, ки ӯ Лаббой аст ва лақабаш Таддо мебошад (Мат. 10,3; Марқ. 3,18).

12. *Яҳудои Исқарют.* Тахмин карда мешавад, ки вай аз Қарюти Яҳудост, яъне ягона расулест, ки аз Ҷалил намебошад. Вай ба Худованди мо хиёнат намуд. Исо вайро «писари ҳалокат» номида буд.

Шогирдон одамони дорои хирад ва қобилияти барҷаста набуданд. Онҳо намояндагони миёнаҳоли инсоният буданд. Робита бо Исо ва ба Ӯ бахшида шудан онҳоро бузург гардонд. Вақте ки Наҷотдиҳанда онҳоро интихоб намуд, онҳо, эҳтимол, ҷавонони аз бист то сисола буданд. Ҷавонӣ давраест, ки одамон ғайрати аз ҳама зиёдтар доранд, ба илм омӯхтан таъсирпазиртаранд ва беш аз ҳама қобилияти аз сар гузаронидани мушкилиҳоро доранд. Исо танҳо дувоздаҳ шогирд интихоб намуд. Ӯ аз миқдор дида бештар ба сифат аҳамият медод. Ба шарофати интихоби дурусти одамон Ӯ метавонист онҳоро ба меҳнат кардан фиристад ва ба воситаи такрористеҳсоли рӯҳонии онҳо ба тамоми ҷаҳон мужда диҳад.

Қадами муҳими навбатӣ баъд аз интихоби шогирдон принсипҳои Подшоҳии Худоро ба таври ҷиддӣ ба онҳо таълим додан буд. Боқимондаи ин боб ба нақли ҷамъбастшудаи он навъи хислат ва рафторе ки бояд ба шогирдони Худованд Исои Масеҳ хос бошад, бахшида шудааст.

**6,17-19** Нутқи баъдина аз Мавъизаи болои кӯҳ як қадар фарқ дорад (Мат. 5-7). Он дар кӯҳ садо дод, ин – *бар ҷои ҳамвор.* Дар он «хушо шумо»-ҳо буданд, вале «вой бар шумо»-ҳо набуданд; дар ин ҷо – ҳам он ва ҳам ин ҳаст. Дигар фарқҳо ҳам ҳастанд: дар суханон, дар дарозӣ ва дар вазн.[11]

Таваҷҷуҳ намоед: ин мавъиза дар бораи шогирдии ҷиддӣ барои *мардуми бисёре* гуфта шуда буд, ва ҳамчунин барои дувоздаҳ нафар. Чунин менамояд, ки ба ҳар ҷое аз пайи Исо одамони сершумори зиёд равона шуданд, Ӯ ба онҳо рӯйрост муроҷиат намуда, самимияти онҳоро месанҷид. Касе гуфтааст: «Масеҳ дар аввал ба Худ ҷалб мекунад ва баъд месанҷад».

*Мардум аз тамоми Яҳудо ва Уршалим* дар ҷануб, аз соҳили *Сур ва Сидӯн* дар шимолу ғарб ҷамъ омаданд; ҳам ғайрияҳудиён, ҳам яҳудиён омаданд. Беморон ва девзадагон наздиктар ҷафс мешуданд, то ба Исо даст расонанд; онҳо медонистанд, ки *қуввате аз Ӯ берун омада* ҳамаро шифо мебахшид.

Фаҳмидан муҳим аст, ки таълимоти Наҷотдиҳанда то ҷӣ андоза ҷиддан нав буд. Дар хотир доред, ки Ӯ ба салиб мерафт. Ӯро мурдан, дафн карда шудан, дар рӯзи сеюм аз мурдагон бархостан ва ба осмон баргаштан дар пеш буд. Хушхабар дар бораи наҷот аз рӯи файз дар тамоми ҷаҳон бояд паҳн гардад. Наҷотёбии одамон ба он вобаста буд, ки оё онҳо мавъизаро мешунаванд. Ҷаҳонро ҷӣ гуна бо муждарасонӣ фаро гирифтан имконпазир буд? Баландмақомони ин ҷаҳон метавонистанд лашкарҳои азим ташкил кунанд, маблағҳои номаҳдуд, воридоти фаровони хӯрок, тамошои хушҳолкунанда ва муносибатҳои ҷамъиятии хуб пешкаш намоянд.

## Е. «Хушо» ва «Вой»-ҳо (6,20-26)

**6,20** Исо дувоздаҳ шогирд интихоб намуд ва онҳоро фиристод: камбағал, гурусна ва таъқибшуда. Оё ҷаҳонро ба ин тариқ бо муждарасонӣ фаро гирифтан мумкин аст? Бале, ба ҳамин тариқ ва ба ҳеҷ як тариқи дигар! Наҷотдиҳанда аз чор хушбахтӣ (хушо) ва чор огоҳӣ сар кард. *«Хушо шумо, эй бенавоён».* На фақат умуман бенавоён баракат доранд, балки *шумо* – бенавоён баракат доред. Худ аз худ бенавоӣ баракат нест; бештар аз ҳама ин мусибат аст. Дар ин ҷо Исо дар бораи бахри Ӯ ба худ гирифтани мискинӣ сухан меронад. Ӯ дар бораи одамоне намегӯяд, ки аз танбалӣ, дар натиҷаи фоҷиа ё бо сабабҳои ба онҳо тобеъ набуда бенавоянд. Не, Ӯ ба онҳое ишорат менамояд, ки дидаву дониста мискиниро интихоб менамоянд, то ки ба одамони дигар дар бораи Наҷотдиҳандаи онҳо шаҳодат диҳанд. Ва агар хуб мулоҳиза кунем, пас ин ягона муносибати бохирадонаи маънодор аст. Ба худ тасаввур намоед, ки шогирдон чун одамони сарватманд равона мешуданд. Одамон парчами Масеҳро ба умеди сарватманд шудан тӯда

шуда иҳота мекарданд. Вале дар асл шогирдон ба онҳо нуқраву тилло ваъда дода наметавонистанд. Одамон танҳо барои ҷустуҷӯи баракатҳои рӯҳонӣ бояд меомаданд. Ба ғайр аз ин, агар шогирдон сарватманд мебуданд, пас онҳо баракати вобастагии доимиро ба Худованд ва исботи садоқати Ӯро аз даст медоданд. Подшоҳии Худо ба одамоне тааллуқ дорад, ки бо қонеъ намудани эҳтиёҷоти ҳозираи худ қаноатманданд, бинобар ин ҳамаи он чиро, ки илова бар он аст, ба кори Худованд дода метавонанд.

**6,21** *«Хушо шумо, ки ҳоло гурусна ҳастед».* Ва аз нав дар ин ҷо тӯдаи зиёди одамон, ки аз камии хӯрок азоб мекашанд, дар назар дошта нашудааст. Калом дар бораи шогирдони Исои Масеҳ меравад, ки ихтиёран ҳаёти дасткашӣ аз манфиатҳои шахсиро интихоб менамоянд, то ки эҳтиёҷоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии одамонро сабук гардонанд. Ин одамоне мебошанд, ки шароити одӣ ва хӯроки арзонро афзал медонанд, фақат барои он ки ба хурсандиҳои худ тағофул намуда, одамонро аз Инҷил маҳрум накунанд. Ҳар гуна дасткашӣ аз манфиатҳои шахсии ба ин монанд дар рӯзҳои оянда мукофотонида мешавад.

*«Хушо шумо, ки ҳоло гирён ҳастед».* Худ аз худ ғам баракат намебошад. Бо гиряҳои одамони наҷотнаёфта баракати ҷовидона алоқаманд нест. Дар ин ҷо Исо дар бораи ашкҳои барои Ӯ рехташаванда сухан меронад. Ашкҳо дар бораи инсонияти ҳалокшудаистода ва гумроҳ. Ашкҳо бо сабаби ҳолати парокандагӣ ва заифии Калисо. Тамоми ғамҳое ки ба онҳо дар хизмат барои Худованд Исои Масеҳ тоб овардан даркор аст. Онҳое ки бо ашк мекоранд, бо хурсандӣ меғундоранд.

**6,22** «Хушо шумо, ҳангоме ки одамон ... аз шумо нафрат кунанд ва шуморо дур кунанд ва дашном диҳанд ва номи шуморо ба бадӣ бароварда, рад кунанд» Ин суханон на барои онҳое мебошанд, ки барои гуноҳ ё беақлии шахсии худ азоб мекашанд. Онҳо ба касоне тааллуқ доранд, ки барои *садоқати* худ *ба Масеҳ* рад шудаанд, ронда шудаанд, маломат мешаванд, гирифтори тӯҳмат ҳастанд.

Калид ба фаҳмиши ин чор хушбахтӣ («хушо») дар суханони *«ба хотири Писари Одам»* мебошад. Он чизе ки худ аз худ лаънат бояд мебуд, баракат мегардад, вақте ки баҳри Ӯ бо хоҳиш тоб оварда мешавад. Вале сабаби водоркунанда бояд муҳаббат ба Масеҳ бошад; дар акси ҳол қурбониҳои аз ҳама қаҳрамонона бефоидаанд.

**6,23** Таъқибот барои Масеҳ – сабаб барои хурсандии бузург мебошад. Аввалан, барои он ки *мукофоти шумо дар осмон бузург аст.* Сониян, ситамдидаро бо шоҳидони вафодори асрҳои гузаштаи Ӯ муттаҳид месозад.

Чор хушбахтӣ («хушо») одами идеалиро дар Подшоҳии Худо тасвир менамояд – касеро, ки фидокорона, ҷиддӣ, боандеша ва босаброна зиндагӣ мекунад.

**6,24** *Бар акси ин,* чор бадбахтӣ («вой») ба онҳое ишорат мекунад, ки дар ҷамъияти нави Масеҳ аз ҳама камтар боэҳтироманд. Агарчи даҳшатовар аст, вале инҳо он одамонеанд, ки дар ҷаҳони имрӯза бузург ҳисобида мешаванд! *«Вой бар шумо, эй сарватдорон».* Мушкилоти муҳими ахлоқӣ алоқаманд бо андӯхтани сарват дар ҷаҳонест, ки дар он зиёда аз ҳазор нафар ҳар рӯз аз бемадорӣ мемиранд ва аз ду нафар яке аз имконияти шунидани Хушхабар дар бораи наҷот аз рӯи имон ба Масеҳ маҳрум аст. Масеҳиёне ки ба васваса афтода, бо мақсади захира «барои рӯзи сиёҳ» сарват ҷамъ мекунанд, оид ба ин суханони Худованд Исои Масеҳ бояд бо диққат андеша намоянд. Чунин кардан – яъне барои ҷаҳони нодуруст зистан аст. Воқеан, ин пушаймонӣ дар бораи сарватмандон хеле боварибахш исбот менамояд, ки ҳангоме Худованд гуфт «хушо бенавоён» (ояти 20), Ӯ одамони рӯҳан мискинро дар назар надошт. Дар акси ҳол ояти 24 бояд мефаҳмонд: «вой бар шумо, рӯҳан сарватмандон», аммо чунин маъно норавост. Шахсе ки сарват дорад ва онро барои сарватмандшавии абадии дигарон истифода намебарад, мукофоти ягонаеро, ки ӯ ягон вақт мегирад, аллакай *ёфтааст,* – қонеъ гардонидани фаврии хоҳишҳои худбинонаи худ.

**6,25** *«Вой бар шумо, эй сершудагон».* Ин он имондороне мебошанд, ки дар тарабхонаҳои қимат хӯрок мехӯранд, хӯрокҳои зуккатаринро истеъмол мекунанд, онҳо ба арзиш нигоҳ намекунанд, вақте кор ба харид дар мағозаи хӯрокворӣ дахл дошта бошад. Шиори онҳо: «Барои халқи Худо ҳеҷ чизи аз ҳад зиёд хуб нест!» Худованд мегӯяд, ки онҳо дар рӯзи оянда, ҳангоме барои шогирдии садоқатмандона ва фидокорона мукофот дода мешавад, *гурусна* мешаванд.

*«Вой бар шумо, эй касоне ки акнун хандон ҳастед»*. Ин *«вой»* бар зидди онҳое равона карда шудааст, ки дар гирдоби бефосилаи айш, хурсандӣ ва вақтхушӣ зиндагонӣ мекунанд. Онҳо чунон рафтор мекунанд, гӯё ки зиндагонӣ барои вақтгузаронии сурурбахш ва осон офарида шудааст ва ба ҳолати душвори одамон бе Исои Масеҳ чашм мепӯшанд. Касоне ки *акнун хандон ҳастанд,* ҳангоме ки ба имкониятҳои аздастдода, тағофул ба хурсандиҳои шахсӣ, муфлисии рӯҳии худ гашта нигоҳ мекунанд, *мотам гирифта гирён* мешаванд.

**6,26** *«Вой бар шумо, вақте ки тамоми*[12] *мардум шуморо таъриф кунанд»*. Чаро? Зеро ки ин аломати боэътимоди он аст, ки шумо бо эълони содиқонаи Калом умр ба сар намебаред. Аз рӯи табиати худ хабари Инҷил одамони бехудоро меранҷонад. Касе ки кафкӯбиҳои ин ҷаҳонро қабул менамояд, – ҳамсафари *пайғамбарони дурӯғини* Аҳди Қадим мебошад, ки ба одамон он чиро ки онҳо шунидан мехостанд, гуфта, гӯшҳои онҳоро хушнуд мекарданд. Онҳо аз ситоиши Худо дида бештар мекӯшиданд дар назди одамон обрӯманд бошанд.

## Ё. Силоҳи ниҳонии Писари Одам: муҳаббат (6,27-38)

**6,27-29а** Худованд Исо дар ин ҷо ба шогирдони Худ силоҳи махфиро аз аслиҳахонаи Худо мекушояд – муҳаббат. Он яке аз таъсирбахштарин силоҳҳо дар муждарасонии ҷаҳон хоҳад буд. Вале вақте ки Ӯ дар бораи *дӯст доштан* сухан меронад, Ӯ ҳиссиёти одамиро бо чунин ном дар назар надорад. Ин муҳаббати фавқуттабиӣ мебошад. Танҳо аз олами боло зодашудагон чунин муҳаббатро дарк карда ва зоҳир карда метавонанд. Вай ба одаме ки дар Ӯ Рӯҳулқудс сокин нест, мутлақо дастнорас аст. Қотил фарзандони худро дӯст дошта метавонад, вале ин на он муҳаббатест, ки Исо онро тарғиб менамояд. Он муҳаббат фақат меҳри одамист; ин бошад – муҳаббати илоҳист. Аввалӣ танҳо ба ҳаёти ҷисмонӣ вобаста аст; барои дуюмӣ ҳаёти илоҳӣ талаб карда мешавад. Аввалӣ дар охир ба эҳсосот мебарад; дуюмӣ моҳиятан масъалаи ирода мебошад. Ҳар як одам дӯстонро дӯст дошта метавонад, вале барои дӯст доштани душманони худ қувваи фавқуттабиӣ зарур аст. Ва маҳз *ҳамин* муҳаббати (юнонӣ: «агапе») Аҳди Нав аст, ки чунин маъно дорад: *Ба онҳое ки* аз шумо нафрат доранд, *некӣ* кардан, *барои* онҳое ки шуморо лаънат мегӯянд, *баракат* хостан *ва барои* онҳое ки шуморо озор медиҳанд, *дуо* гуфтан ва низ ҳамеша ба ҳар касе ки ба рухсораи ту торсакӣ мезанад, *рухсораи* дигари худро низ гардондан. Ф. Б. Майер шарҳ медиҳад:

*Ба маънои амиқтарини худ муҳаббат имтиёзи масеҳият аст. Нисбати душманон эҳсос намудани он чи дигарон нисбати дӯстон эҳсос менамоянд; ба монанди борон ва нури офтоб ҳам ба гуноҳкорон ва ҳам ба росткорон некӣ кардан; хизмат кардан ба онҳое ки дилкаш нестанд ва нафратоваранд, ба монанди он ки дигар одамон ба дилписандон ва ҷолибон хизмат мекунанд; вобаста ба кайфият, нозунуз ё ҳавою ҳавас тағйир наёфтан; пуртоқатона азоб кашидан, бад фикр накардан, ба ҳақиқат хурсандӣ намудан, ба ҳама тоб овардан, ба ҳама чиз бовар кардан, ба ҳама умед бастан, тоқат кардан, ҳеҷ гоҳ бас накардан – ҳамин аст муҳаббат, чунин муҳаббат бошад –натиҷаи ҳузури Рӯҳулқудс аст. Мо онро худамон ба даст оварда наметавонем.*[13]

Чунин муҳаббат мағлубнашаванда аст. Ҷаҳон одатан одамеро, ки зарбаҳоро зада мегардонад, мағлуб карда метавонад. Ба он ҳам ҷанг аз рӯи қонуни ҷангал ва ҳам принсипи қасосгирӣ хос аст. Вале ҷаҳон намедонад, ки бо одами ба ҳама беадолатиҳо бо некӣ ҷавоб медода чӣ гуна рафтор намояд. Чунин рафтор, ки аз ин ҷаҳон нест, онро ба изтироби фавқулода ва парешонӣ меоварад.

**6,29б-31** Дар ҷавоби ҷомае ки кашида гирифта шудааст, муҳаббат куртаро ҳам медиҳад. Вай ҳеҷ гоҳ аз эҳтиёҷи ҳақиқӣ рӯй намегардонад. Вақте аз ӯ моликиятро ғайриқонунӣ кашида мегиранд, вай баргардонда доданро талаб намекунад. Қоидаи тиллоии муҳаббат: ба дигарон бо ҳамон гуна некӣ ва таваҷҷуҳе ки нисбат ба худ мехоҳӣ, муносибат намудан.

**6,32-34** Наҷотнаёфтагон *дӯстдорони худро дӯст медоранд.* Ин рафтори табиист ва ба андозае маъмул аст, ки ба ҷаҳони одамони наҷотнаёфта таъсир намерасонад. Бонкҳо ва ширкатҳо ба умеди фоиз ба даст овардан пул қарз *медиҳанд.* Барои ин ҳаёти илоҳӣ талаб карда намешавад.

**6,35** Бинобар ин Исо такрор намуд, ки мо бояд *душманони* худро *дӯст дорем, некӣ кунем ва қарз диҳем, бе он ки ба подоши он*

*умедвор шавем.* Ин яқинан рафтори масеҳиёна аст ва он онҳоеро қайд менамояд, ки *писарони Худо* мебошанд. Албатта, одамон на ба ин тариқ фарзандони Худо мегарданд; ин танҳо ба воситаи чун Худованд ва Наҷотдиҳанда Исои Масеҳ қабул намудан рӯй дода метавонад (Юҳ. 1,12). Вале маҳз ҳамин тавр имондорони ҳақиқӣ нишон медиҳанд, ки онҳо фарзандони Худоянд. Худо бо мо чунон муносибат мекунад, ки дар оятҳои 27-35 тасвир карда шудааст. *Ӯ ҳам ба носипосон ва ҳам ба бадон некӯ аст.* Вақте ки мо низ чунин рафтор менамоем, пас монандии оилавӣ зоҳир менамоем. Мо нишон медиҳем, ки аз Худо зода шудаем.

**6,36** *Раҳмдил* будан – яъне бахшидан, ҳатто ҳамон вақте ки мо қудрати қасос гирифтан дорем. *Падар* ба мо бо он раҳм намуд, ки ҷазои сазовори моро надод. Ӯ мехоҳад, то мо ба дигар одамон раҳмдилӣ нишон диҳем.

**6,37** Ду чиз ҳаст, ки онро муҳаббат намекунад: вай *доварӣ намекунад* ва *маҳкум намекунад*. Исо гуфтааст: *«Доварӣ накунед ва ба доварӣ дучор нахоҳед шуд»*. Пеш аз ҳама, мо дар бораи майлҳои одам доварӣ набояд кунем. Мо дар дили ӯ хонда наметавонем ва зимнан, дониста наметавонем, ки чаро одам маҳз чунин рафтор мекунад. Баъдан, мо тарзи кор ё хизмати масеҳии дигарро набояд маҳкум намоем (1Қур. 4,1-5), фақат Худо дар ҳамаи ин корҳо Довар мебошад. Ва умуман, мо набояд хурдагир бошем. Рӯҳи танқид, ҷустуҷӯи гуноҳ қонуни муҳаббатро вайрон мекунад.

Бо вуҷуди ин доираҳои муайяне ҳастанд, ки дар онҳо ба масеҳиён ҳуқуқи доварӣ кардан дода шудааст. Аксаран ба мо муайян намудан лозим меояд, ки оё дигар одамон масеҳии ҳақиқӣ ҳастанд; дар акси ҳол мо ҳеҷ гоҳ «юғи бегона»-ро пай намебарем (2Қур. 6,14). Гуноҳ бояд дар оила ва дар калисо маҳкум карда шавад. Ба ибораи дигар, мо бояд мулоҳиза намоем, ки некӣ чист ва бадӣ чист, вале набояд майлҳоро ба зери шубҳа гузорем ё шахсиятро доварӣ карда кушем.

*«Бахшед ва бахшида мешавед»*. Дар ин ҷо бахшида шудани мо ба хоҳиши бахшидан вобастагӣ карда шудааст. Вале дигар ҷойҳои Навиштаи Муқаддас аниқ таълим медиҳанд, ки бо имон Масеҳро қабул намуда, мо пурра ва бешарт бахшида шудаем. Ин мухолифати зоҳириро чӣ навъ созиш кунонидан мумкин? Шарҳ чунин аст: Мо дар бораи ду шакли гуногуни бахшиш мегӯем – ҳуқуқӣ ва падарӣ. Бахшиши ҳуқуқӣ – он аст, ки онро Худо-Довар ба ҳар касе ки ба Худованд Исои Масеҳ имон дорад, медиҳад. Ин онро ифода мекунад, ки барои гуноҳ Масеҳ ҷазо дид ва гуноҳкори имондорро лозим намеояд барои онҳо ҷазо бинад. Чунин бахшиш бешарт мебошад.

Бахшиши падариро Худо Падар ба фарзанди гумроҳи Худ медиҳад, вақте ки вай аз гуноҳҳои худ омурзиш металабад ва аз онҳо рӯ мегардонад. Дар натиҷа барқароршавии муносибат бо оилаи Худо ба амал меояд ва он ба ҷазо барои гуноҳ ҳеҷ алоқа надорад. Агар мо якдигарро бахшидан нахоҳем, чун Падар, Худо моро бахшида наметавонад. Ӯ ба ин тариқ рафтор карда наметавонад ва ба онҳое ки намебахшанд, дар мушоракат буда наметавонад. Исо дар суханони *«ва бахшида хоҳед шуд»* маҳз ба ин бахшиши падарӣ ишора менамояд.

**6,38** Муҳаббат дар дода тавонистан зоҳир мегардад (ниг. Юҳ. 3,16; Эфс. 5,25). Хизмати масеҳӣ хизмати ато кардан аст. Шахсе ки олиҳимматона *медиҳад,* саховатмандона мукофотонида мешавад. Ин ҷо одаме барои намуна оварда шудааст, ки либосаш аз пеш домани калоне чун пешбанд дорад. Вай онро барои бурдани донаи тухмӣ истифода мебарад. Ӯ донаро ҳар қадар зиёдтар пош диҳад, ҳосили он ҳамон қадар зиёд мешавад. Ӯ *ба андозаи хуби ҷунбондаву фишурдашуда ва лабрез* мукофотонида хоҳад шуд. Ӯ мукофотро ба *домани* либоси худ қабул менамояд. Принсипи устувори зиндагӣ ҳамин аст: мо мувофиқи коштаи худ ҷамъ меоварем, амали мо ба мо бозхоста мешавад, зеро *ба ҳар андозае ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда мешавад.* Агар мо чизи моддиро корем, пас ганҷи рӯҳонии бебаҳоро ҷамъ хоҳем овард. Он низ ҳақиқат аст, ки он чиро ки мо барои худ нигоҳ медорем, гум мекунем ва он чиро ки медиҳем, соҳиби он мегардем.

### Ж. Масал дар бораи дурӯяи кӯр (6,39-45)

**6,39** Дар оятҳои пешина Худованд Исои Масеҳ дар бораи он таълим медод, ки шогирдон бояд хизмати ато карданро иҷро намоянд. Алҳол Ӯ дар бораи он огоҳӣ медиҳад, ки ҳудуде ки онҳо барои дигар одамон баракат буда метавонанд, бо ҳолати рӯҳонии шахсии онҳо

маҳдуд аст. Оё метавонад кӯре ба кӯри дигар роҳнамоӣ кунад? *Оё ҳар ду дар чоҳ намеафтанд?* Мо он чизеро, ки худ соҳиби он нестем, дода наметавонем. Агар чашмони мо ба ҳақиқатҳои муайяни Каломи Худо пӯшида бошанд, пас мо ба ҳеҷ кас дар ин соҳа ёрӣ дода наметавонем. Агар дар зиндагонии рӯҳонии мо «қитъаҳои нонамоён» бошанд, пас ин қитъаҳои нонамоён дар зиндагонии онҳое ки мо таълимашон медиҳем, албатта хоҳанд буд.

**6,40** *«Шогирд аз устоди худ беҳтар нест; аммо, пас аз такмил ёфтан ҳам, ҳар кас чун устодаш мешавад».* Одам он чиро, ки худ намедонад, таълим дода наметавонад. Ӯ шогирдони худро ба дараҷаи баландтар аз он ки худ расидааст, расонда наметавонад. Ҳар қадар бештар вай онҳоро таълим диҳад, ба ҳамон андоза бештар онҳо ба ӯ монанд мешаванд. Вале марҳалаи шахсии инкишофи ӯ ҳудуди болоиро, ки ӯ онҳоро то ба андозаи он расонида метавонад, ташаккул медиҳад. Шогирд ҳамон вақт ба ғояти камол мерасад, ки ба муаллими таълимдиҳандааш монанд гардад. Камбудиҳое ки дар таълимот ё дар ҳаёти муаллим ҳастанд, ба ҳаёти шогирдони ӯ мегузаранд ва баъди анҷом ёфтани таълим аз шогирдон интизор будан лозим нест, ки аз муаллими худ болотар мешаванд.

**6,41-42** Ин ҳақиқати муҳим бо возеҳияти боз ҳам бештаре дар мисоли *хас* ва *чӯб* нишон дода шудааст. Боре шахсе аз назди ҷое мегузашт, ки ғалларо хирманкӯбӣ мекарданд. Шиддати ногаҳонии бод сабӯсро бардошт ва хаси хурдакаке рост ба чашми одам афтод. Ӯ чашмашро мемолад, то аз пораи хасе ки ба он афтодааст, халос шавад, вале ҳар қадар вай бештар молиш диҳад, чашм ҳамон қадар бештар озурда мешавад. Дар ин ҳангом аз назди ӯ шахси дигаре мегузарад, аҳволи мушкили ин касро дида ёрӣ пешниҳод мекунад. Вале дар чашми ин одам *чӯб* овезон аст! Аз эҳтимол дур аст, ки Ӯ ёрӣ дода тавонад, зеро ӯ наметавонад бинад, ки чӣ кор мекунад. Равшании ин дарс аз он иборат аст, ки муаллим ба шогирдони худ оид ба камбудиҳо дар ҳаёти онҳо гуфта наметавонад, агар дар ҳаёти ӯ худи ҳамон камбудиҳо ва ҳатто дар шакли зиёдтар бошанд ва бо вуҷуди ин ӯ онҳоро набинад. Агар мо ба дигарон ёрӣ додан хоҳем, пас ҳаёти мо ҳам бояд намунавӣ бошад. Бар акси ҳол одамон ба мо мегӯянд: «Табиб, худро шифо деҳ!»

**6,43-45** Мисоли чорум, ки Худованд меоварад, *дарахт* ва *мева* мебошад. Дарахт, вобаста ба он ки худ чист, меваи *хуб* ё *бад* меоварад. Мо дар бораи дарахт аз рӯи навъ ва сифати мевае ки он меоварад, ҳукм мебарорем. Оид ба шогирдӣ ҳам худи ҳамин аст. Одами ахлоқан пок ва рӯҳан солим ба дигарон *аз ганҷинаи неки дилаш* баракат оварда метавонад. Аз тарафи дигар, одами ҷаҳони ботиниаш нопок *аз ганҷинаи бади дилаш чизи бад берун меоварад.*

Инак, дар оятҳои 39-45 Худованд ба шогирдон мефаҳмонад, ки хизмати онҳо бояд хизмати хислат бошад. На он чи онҳо ягон вақт мегӯянд ё мекунанд, балки чӣ гуна кас будани онҳо бештар муҳим аст. Натиҷаи ниҳоии хизмати онҳо бо он муайян карда мешавад, ки онҳо кистанд ва чистанд.

### З. Худованд фармонбардориро талаб менамояд (6,46-49)

**6,46** *«Чаро Маро Худовандо! Худовандо! мегӯед, вале он чиро, ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред?»* Калимаи «Худованд» «соҳиб»- ро ифода мекунад; вай зимнан дар назар дорад, ки Худованд бо ғояти пурраи қудрат бар зиндагонии мо молик аст, ва мо ба Ӯ тааллуқ дорем ва ҳамаи он чиро, ки Ӯ мегӯяд, бояд иҷро намоем. Ӯро *Худованд* номидан ва баъд Ӯро гӯш накардан – мухолифати бемаънист. Оид ба эътирофи ҳокимияти Ӯ эълон намудан кифоя нест. Муҳаббат ва имони ҳақиқӣ фармонбардориро дар бар мегирад. Агар он чиро ки Ӯ мегӯяд, иҷро накунем, Ӯро ҳақиқатан дӯст намедорем ва ба Ӯ ҳақиқатан имон надорем.

*Ту маро «Роҳ» меномӣ ва аз пайи Ман намеравӣ,*
*Ту Маро «Ҳаёт» меномӣ ва бо Ман зиндагӣ намекунӣ,*
*Ту Маро «Устод» меномӣ ва ба Ман итоат намекунӣ,*
*Агар туро маҳкум кунам, Маро гуноҳкор макун.*
*Ту Маро «Нон» меномӣ ва Маро намечашӣ,*
*Ту Маро «Ростӣ» меномӣ ва ба ман бовар намекунӣ,*
*Ту маро «Худованд» меномӣ ва ба Ман хизмат намекунӣ,*

*Агар туро маҳкум намоям, Маро гуноҳкор макун.*

Ҷефрӣ О’Ҳара

**6,47-49** Ин ҳақиқати муҳимро бештар мустаҳкам намудан хоста, Худованд қиссаи ду бинокорро нақл менамояд. Мо ин қиссаро дар хабари Инҷил васеъ ба кор мебарем: мо мегӯем, ки одами хирадманд каси имондор ва наҷотёфтаро ифода мекунад; одами беақл шахсест, ки Масеҳро рад мекунад ва ҳалок мешавад. Ин, албатта, истифодаи арзишнок аст. Вале, агар мо ин қиссаро дар қаринаи матни он шарҳ диҳем, дар он маънои амиқтареро ошкор менамоем.

Марди хирадманд шахсест, ки ба назди Масеҳ *меояд* (наҷот), суханони Худовандро *мешунавад* (панд) ва онҳоро *ба ҷо меоварад* (фармонбардорӣ). Ин одамест, ки ҳаёти худро дар чунин принсипҳои шогирдии масеҳӣ, ки дар ин боб гузошта шудаанд, барпо месозад. Ин роҳи дурусти эҷоди ҳаёт аст. Ҳангоме ки хона ба фишори обхезӣ ва ҷараёни об дучор мешавад, он устувор меистад, зеро ки *бар санг сохта шуда буд* – дар Масеҳ ва таълимоти Ӯ.[14]

Одами беақл – мешунавад (пандро), вале ба таълимот итоат намекунад (беитоатӣ). Ӯ аз рӯи принсипҳои ҷисмонии ин ҷаҳон амал карда, ҳаёти худро дар он чи барояш аз ҳама беҳтар менамояд, эҷод менамояд. Ҳангоме ки тӯфони зиндагонӣ якбора сар шуда меравад, *хонаи* ӯро *ки бе таҳкурсӣ* аст, дарҳол ҷараёни об шуста мебарад. Ҷони Ӯ наҷот ёфта метавонад, вале ӯ ҳаёти худро гум мекунад.

Марди доно шахсест, ки бенаво аст, гурусна аст, гиря мекунад ва ба таъқибот дучор мегардад – ва ҳамаи ин ба хотири Писари Одам. Ҷаҳон ин гуна одамро бехирад меномад, Исо ӯро хирадманд меномад.

Беақл шахсе аст, ки сарватманд аст, дабдабанок базм меорояд, дар шодӣ зиндагонӣ мекунад ва дар байни одамон машҳур аст. Ҷаҳон ӯро одами оқил меномад. Исо ӯро беақл меномад.

## VI. ПИСАРИ ОДАМ ХИЗМАТИ ХУДРО ВУСЪАТ МЕДИҲАД (7,1–9,50)

### А. Шифо ёфтани ғуломи мирисад (7,1-10)

**7,1-3** Нутқи Худро ба охир расонида, Исо мардумро тарк карда *ба Кафарнаҳум даромад.* Дар он ҷо Ӯро *пирони яҳудӣ* меҷустанд, ки барои илтимос кардан омада буданд, то *ба ғуломи мирисади* ғайрияҳудӣ ёрӣ диҳад. Зоҳиран, ин мирисад ба халқи яҳудӣ махсусан меҳрубон буд ва ҳатто барои онҳо куништ бино кард. Ба монанди ҳамаи дигар мирисадон дар Аҳди Нав ӯ ба таври хуб нишон дода шудааст (Луқ. 23,47; Аъм. 10,1-48)

Хеле ғайриодист, ки хоҷа ба ғулом ин қадар ҳусни таваҷҷуҳ дорад, ба монанди ин мирисад. Вақте ки *ғулом бемор* буд, мирисад *аз пирони яҳудӣ* хоҳиш намуд, то аз Исо шифо додани ӯро илтимос намоянд. Ба андозае ки ба мо маълум аст, ин афсари румӣ ягона одамест, ки аз Исо барои ғулом баракат меҷуст.

**7,4-7** Пирони халқ дар ҳолати аҷиб монданд. Онҳо ба Исо бовар намекарданд, вале дӯстӣ бо мирисад онҳоро дар лаҳзаи эҳтиёҷ маҷбур сохт ба назди Исо раванд. Дар бораи мирисад онҳо гуфтанд, ки ӯ *сазовор аст.* Вале ҳангоме ки мирисад Исоро вохӯрд, ӯ гуфт: «*Ман шоиста нестам*», ки «Ман он қадар муътабар нестам»-ро ифода мекард.

Мувофиқи Инҷили Матто, мирисад рост ба назди Исо рафт. Дар ин ҷо, дар Инҷили Луқо, ӯ пиронро фиристод. Дар ин мухолифат нест. Дар ибтидо ӯ пиронро фиристод ва баъд худаш ба назди Исо баромад.

Фурӯтанӣ ва имони мирисад боиси тааҷҷуб аст. Ӯ худро *шоистаи* он *намеҳисобид,* ки Исо *ба хонаи ӯ биёяд.* Ӯ ҳамчунин худро сазовори шахсан *ба назди* Исо *омадан* намеҳисобид. Вале дар ӯ имони бисёр буд, то эътироф намояд, ки Исо бе ҳузури шахсии Худ шифо дода метавонад. Як *сухани* Ӯ бемориро бартараф намуда метавонист.

**7,8** Сипас мирисад шарҳ медиҳад, ки дар бораи қудрат ва масъулият тасаввурот дорад. Дар ин соҳа ӯ таҷрибаи зиёд дорад. Худи ӯ одами *фармонбардори* ҳукумати Рум мебошад ва барои иҷроиши фармонҳои он ҷавобгар аст. Ба ғайр аз ин, ӯ худаш *сарбозони* фармонбардор дорад, ки онҳо дарҳол ба фармони ӯ итоат мекунанд. Ӯ дарк намуд, ки чунон ки ҳукумати Рум бар вай қудрат дошт, Исо ҳамин гуна қудратро бар бемориҳо дорад ва Ӯ дорои фармонбардорон аст.

**7,9-10** Тасодуфӣ нест, ки *Исо* имони ин мирисади ғайрияҳудиро дида, *ҳайрон шуд.* Ҳеҷ кас *дар Исроил* бо чунин далерӣ ба қудрати мутлақи Исо эътиқод надошт.

*Чунин имони* бузург ҳеҷ гоҳ бемукофот намемонад. Ҳангоме ки фиристодагон ба *хонаи* мирисад баргаштанд, *ғуломро тандуруст* ёфтанд.

Ин яке аз ду мавридест дар Инҷил, ки *Исо ҳайрон шуда* буд. Ӯ аз имони ин мирисади ғайрияҳудӣ ҳайрон шуд ва Ӯ беимонии Исроилро дида, ҳайрон шуд (Марқ. 6,6).

### Б. Зиндашавии писари бевазан (7,11-17)

**7,11-15** *Ноин* – шаҳрчае дар тарафи ҷанубу ғарбии Кафарнаҳум аст. Вақте ки Исо ба он наздик шуд, аҳли маросими дафнро дид, ки *аз шаҳр* мебаромад. *Писари ягонаи бевазанеро* дафн мекарданд. *Дили* Худованд *ба* модари аз умед маҳрумгашта *сӯхт*. Ба тобуте ки ҷасад дар он буд, даст расонда – эҳтимол барои боздоштани маросим, – Исо *ба ҷавон* фармуд, ки *бархезад*. Дарҳол ҳаёт ба ҷисм баргашт ва ҷавон *нишаст*. Ба ҳамин тариқ Он Касе ки бар марг ва бар бемориҳо Худованд аст, писарро *ба модари ӯ* баргардонд.

**7,16-17** Ҳамаи ҳозиронро *тарс* фаро гирифт. Мардум шоҳиди муъҷизаи пурқудрат шуданд. Мурда ба ҳаёт баргашт. Онҳо бовар карданд, ки Худованд Исо – *Пайғамбари бузурги* аз тарафи Худо фиристодашуда аст. Вале «Худо ба дидори қавми Худ омадааст» – гуфта, онҳо, эҳтимол, онро намефаҳмиданд, ки Исо – *Худ* Худост. Ба фаҳмиши онҳо муъҷиза дар бораи он шаҳодат медод, ки Худо дар байни онҳо меҳнат мекард, вале шахсан не. *Ақидаи* онҳо дар бораи муъҷиза *дар тамоми гирду атроф* паҳн шуд.

Луқои табиб ҳодисаҳои аз тарафи Исо зинда карда шудани се «фарзанди ягона»: писари бевазан, духтари Ёир (8,42) ва кӯдаки девзадаро (9,38) менависад.

### В. Писари Одам саромади Худро рӯҳбаланд мекунад (7,18-23)

**7,18-20** Хабар дар бораи муъҷизаҳои Исо ба *Яҳёи* Таъмиддиҳанда дар зиндони қалъаи Маҳар дар соҳили шарқии баҳри Мурда расид. Агар Исо ҳақиқатан Масеҳ бошад, пас чаро Ӯ қудрати Худро нишон намедиҳад, то ки Яҳёро аз дасти Ҳиродус озод намояд? Инак, Яҳё *аз шогирдони* худ *ду нафарро* фиристод, то онҳо аз Исо пурсанд, ки оё Ӯ дар ҳақиқат Масеҳ аст ё Масеҳ баъд бояд биёяд. Шояд барои мо аҷиб тобад, ки Яҳё умуман дар бораи Масеҳ будани Исо савол медиҳад. Вале мо бояд он чизро дар ёд дошта бошем, ки ҳатто одамони беҳтарин ҳам дар вақти мушкилиҳо сустии муваққатии имонро аз сар мегузаронанд. Ҳамчунин азобҳои ҷисмонӣ ҳам ба рӯҳафтодагии ҷиддии рӯҳонӣ оварда метавонанд.

**7,21-23** Исо ба саволи Яҳё ҷавоб дода, ба ӯ хотиррасон намуд, ки Ӯ муъҷизаҳоеро ба амал овард, ки онҳоро аз рӯи пешгӯии пайғамбарон бояд Масеҳ ба амал меовард (Иш. 35,5.6; 61,1). Баъд чун охирсухан Ӯ барои Яҳё илова намуд: *«Ва хушо касе ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад!»* Инро чун таъна фаҳмидан мумкин аст: Яҳё дар бораи он *ба васваса афтод,* ки Исо инони ҳокимиятро ба даст нагирифт ва Худро чунон ки мардум инро интизор буд, нишон надод. Вале инро чун даъват ба Яҳё барои тарк накардани имонаш шарҳ додан мумкин аст.

С. Ҷ. Мур мегӯяд:

*Ман дигар лаҳзаҳои душвортари санҷиши имонро намедонам, нисбат ба он вақте ки Исо шаҳодати қудрати Худро меафзояд ва онро истифода намебарад ... Боварии бузурге лозим аст, вақте фиристодагон бо суханони «Бале, Ӯ тамоми қудратро дорост ва Ӯ маҳз ҳамон касест, ки ту Ӯро мепиндорӣ; вале Ӯ дар бораи озодшавии ту аз зиндон ягон калима ҳам нагуфт ...» – бармегарданд. Ҳеҷ гуна шарҳу эзоҳ; имон мукофотонида мешавад, дарҳои зиндон пӯшонида мемонанд; ва пас ҳамин суханон: «Хушо касе, ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад» ва тамом!*[15]

### Г. Писари Одам саромади Худро ситоиш мекунад (7,24-29)

**7,24** Исо ба Яҳё шахсан ҳар чи гуфта бошад ҳам, дар назди халқ Ӯ танҳо вайро таъриф карда метавонист. Вақте ки мардуми бисёр дар биёбони Урдун ҷамъ меомаданд, онҳо чиро ёфтан мехостанд? Одами беэътимод, ноустувор, дудила ва фоидаҷӯяндаро?

Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ Яҳёро дар он, ки ӯ *най* мебошад, *ки аз бод меларзад,* гуноҳкор карда наметавонист.

**7,25** Оё онҳо ӯро чун «ситораи телевизион» дар либоси шинами мӯд дидан мехостанд, ки дар шукӯҳ ва роҳат зиндагонӣ мекунад? Не, чунин одамон *дар қасрҳои подшоҳон* сокин буда, мекӯшанд аз тамоми хурсандиҳои дастраси дарбор лаззат баранд ва барои фоидаи шахсӣ ва муваффақияти худ алоқаҳои зиёде барпо карданӣ мешаванд.

**7,26** Онҳо *барои дидани як пайғамбар* рафта буданд – виҷдони таҷассумёфта, – ки Каломи Худои зиндаро хабар медод, новобаста ба он ки ин барои ӯ чӣ натиҷаҳои вазнин хоҳад дошт. Ӯ аз *пайғамбар ҳам бузургтар* буд.

**7,27** Ӯ худ одами пешгӯишуда буд ва имтиёзи беҳамтоеро дошт, ки Подшоҳро намояндагӣ кунад. Исо Малокӣ 3,1-ро далел овард, то нишон диҳад, ки ваъда дар бораи Яҳё дар Аҳди Қадим дода шуда буд. Вале дар айни ҳол Ӯ табдили хеле аҷиби ҷонишинҳоро ба амал овард. Дар Малокӣ 3,1 мехонем: «Инак, Ман қосиди Худро мефиристам ва ӯ роҳро дар пешопеши Ман муҳайё мекунад». Исо бошад инро чунин ифода кард: *«Инак, Ман қосиди Худро пешопеши Ту мефиристам, то роҳи Туро пешопеши Ту муҳайё кунад»* Ҷонишини *«Ман»* бо «Ту» иваз карда шудааст.

Годет ин ивазкуниро ба тариқи зер шарҳ медиҳад:

*Аз нуқтаи назари пайғамбар, Оне ки пешопеши Ӯ роҳ тайёр карда мешуд, ҳамон як шахс буд – Яҳува. Бинобар ин дар Малокӣ «пешопеши Ман» аст. Вале ба Исо, ки ҳангоми дар бораи Худ сухан рондан ҳеҷ гоҳ Худро бо Падар омехта намекард, фарқ дохил кардан зарур аст. Ин Яҳува нест, ки дар бораи Худ мегӯяд, балки Яҳува мебошад, ки ба Исо мегӯяд; бинобар ин шакли «пешопеши Ту» аст. Мувофиқи ин шаҳодат, магар аз ин иқтибос барнамеояд, ки дар тасаввури ҳам пайғамбар, ҳам Исо омадани Масеҳ – омадани Яҳува аст?*[16]

**7,28** Исо ситоиши Яҳёро давом дода тасдиқ кард, ки *аз миёни онҳое ки аз зан таваллуд ёфтаанд, ҳеҷ як пайғамбаре бузургтар аз Яҳёи Таъмиддиҳанда нест.* Ин афзалият на ба хислати шахсии ӯ, балки ба мавқеи ӯ чун саромади Масеҳ ишорат мекунад. Дигар мардон ҳам буданд, ки дар ғайрат, покӣ ва садоқати фидокорона ба андозаи вай бузург буданд. Вале ҳеҷ каси дигар имтиёзи оид ба омадани Подшоҳ хабар доданро надошт. Беҳамтоии Яҳё дар ҳамин аст. Ва ба ҳар ҳол Худованд илова намуд, ки он ки дар Подшоҳии Худо хурдтарин аст, аз вай бузургтар аст. Аз баракати *Подшоҳӣ* лаззат бурдан нисбат ба саромади Подшоҳ будан *зиёдтар* аст.

**7,29** Исо, эҳтимол, дар ояти 29 ҳам оид ба Яҳё сухан ронданро давом медиҳад. Ӯ дар бораи он ёдовар мешавад, ки мавъизаи Яҳё чӣ навъ қабул шуда буд. Тамоми *мардум* ва ҳамчунин гуноҳкорони аз тарафи умум эътирофгардида, ба монанди *боҷгирон,* тавба карданд ва дар Урдун *таъмид ёфтанд.* Ба он чи аз Яҳё шуниданд, бовар карда ва мувофиқи мавъизаи ӯ рафтор намуда, онҳо тасдиқ карданд, ки Худо ҳақ аст, яъне мардуми Исроил эътироф намуданд, ки Худо ҳуқуқ дорад талаб намояд, то пеш аз он ки Масеҳ бар онҳо ҳукмронӣ карда тавонад, онҳо тавба кунанд.

## Ғ. Писари Одам ин наслро танқид мекунад (7,30-35)

**7,30-34** *Фарисиён* ва шариатдонон аз таъмиди Яҳё даст кашиданд ва бо ин корашон марҳамати Худоро оид ба манфиати онҳо *рад карданд.* Аслан ба он *насли* одамон, ки онҳо бар онон роҳбарӣ мекарданд, писанд омадан номумкин буд. Исо онҳоро ба *кӯдакони* дар *кӯча* нишаста монанд кард. Онҳо на тӯйбозӣ кардан мехостанд, на ҷанозабозӣ. Онҳо инҷиқ, худсар, пешгӯинашаванда ва якрав буданд. Худо дар байни онҳо ҳар гуна хизматро нишон диҳад ҳам, онҳо ба он эътироз менамуданд. *Яҳёи Таъмиддиҳанда* ба онҳо намунаи шикастанафсӣ, гӯшанишинӣ ва дасткашӣ аз манфиатҳои шахсиро нишон дод. Ин ба онҳо маъқул нашуд; зиёда аз он, онҳо ӯро чун девона танқид намуданд. *Писари Одам* бо *боҷгирон ва гуноҳкорон* мехӯрад ва менӯшад, яъне Худро бо онҳое ки Ӯ барои баракат доданашон омад, монанд кард. Ва бо ин ҳам фарисиён норозианд.

Онҳо Ӯро шикампараст ва майзада номиданд. Рӯза ё базм, ҷаноза ё ҷашни арӯсӣ, Яҳё ё Исо – ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас ба онҳо писанд омада наметавонад!

Райл қаблан хабардор мекунад:

*Мо аз кӯшиши ба ҳар кас писанд омадан бояд даст кашем. Ин номумкин аст ва кӯшиши инро кардан – сарфи беҳудаи вақт аст. Мо бо он бояд қаноат намоем, ки аз пайи Масеҳ равем ва бигзор ҷаҳон ҳар чи мехоҳад, ҳамонро гӯяд.*

*Ҳар коре ки кунем, ҳеҷ гоҳ онҳоро қаноатманд кунонида наметавонем ва ба мулоҳизаҳои бади онҳо монеъ шуда наметавонем. Онҳо аввал дар чӣ гуноҳкор намудани Яҳёи Таъмиддиҳандаро ёфтанд ва баъд, Устоди муборaки ӯро. Онҳо хурдагирӣ ва ҷустуҷӯи айби шогирдони Устодро давом хоҳанд дод, то замоне ки ақаллан яке аз онҳо дар замин монад.*[17]

**7,35** *Ва ҳикмат аз тарафи ҳамаи фарзандони он тасдиқ карда шуд. Ҳикмат* дар ин ҷо Худи Наҷотдиҳандаро дар назар дорад. Ақаллияти ками шогирдон, ки вайро эҳтиром мекунанд, *фарзандони* вай мебошанд. Ва ҳарчанд оммаи асосии халқ Исоро рад мекунад, ба ҳар ҳол пайравони ҳақиқии Ӯ дар муҳаббат, покӣ ва ихлос зиста, ҳаққонияти изҳороти Ӯро собит мекунанд.

### Д. Зани гуноҳкор Наҷотдиҳандаро тадҳин мекунад (7,36-39)

**7,36** Дар поён ҳодисае зикр мешавад, ки ба мо чун намунаи он хизмат карда метавонад, ки ҳикмат аз тарафи яке аз фарзандони худ, маҳз аз тарафи зани гуноҳкор сафед карда шудааст. Доктор Ҳ. С. Вудринг хеле дуруст гуфтааст: «Агар Худо пешвоёни диниро ба қадр кардани Масеҳ маҷбур карда натавонад, пас Ӯ ин корро дар фоҳиша ба амал меоварад». Шимъуни фарисӣ Исоро ба хонаи худ даъват намуд, то *бо вай хӯрок хӯрад,* эҳтимол, аз кунҷковӣ ва шояд, аз душманӣ.

**7,37-38** Дар худи ҳамин вақт дар хона *зани* гуноҳкор пайдо гашт. Мо кӣ будани ӯро намедонем; ривоят ба он далолат менамояд, ки ин Марями Маҷдалия буд, вале Навиштаи Муқаддас инро тасдиқ намекунад. Ин зан *зарфи гаҷинеро* бо равғани хушбӯй *овард*. Вақте ки Исо дар диван барои хӯрокхӯрӣ дароз кашида ба дастархон нигоҳ мекард, зан *аз пас назди пойҳои Ӯ истод. Вай гирякунон пойҳои Ӯро бо ашки худ шуст ва бо мӯйҳои сари худ хушконид ва пойҳои* Ӯро беист *мебӯсид*. Баъд вай ба Ӯ равғани хушбӯйи қиматбаҳоро *молид*. Чунин парастиш ва қурбонӣ эътиқоди Ӯро ба он нишон дод, ки барои Исо ҳеҷ чиз аз ҳад зиёд хуб нест.

**7,39** Муносибати Шимъун тамоман дигар буд. Ӯ фикр мекард, ки пайғамбарон, ба монанди фарисиён, бояд аз гуноҳкорон ҷудо бошанд. *Агар* Исо ҳақиқатан *пайғамбар* мебуд, ба хулоса омад ӯ, пас Ӯ *ба зани гуноҳкор* иҷозат намедод, ки чунин муҳаббат нишон диҳад.

### Е. Масал дар бораи ду қарздор (7,40-50)

**7,40-43** Исо андешаҳои *Шимъунро* фаҳмида аз ӯ меҳрубонона иҷозат хост, то ба ӯ *як чиз* гӯяд. Худованд фавқулода устокорона воқеаи *қарзхоҳ* ва *ду қарздорро* ҳикоят кард. *Яке* панҷсад, дигарӣ панҷоҳ динор *қарздор буд*. Вале азбаски онҳо барои *адо кардан* чизе надоштанд, ӯ қарзи ҳар дуро бахшид. Дар ин лаҳза Исо аз Шимъун пурсид, ки *кадоме аз* қарздорон қарзхоҳро бештар *дӯст хоҳад дошт*. Фарисӣ дуруст ҷавоб дод: *«Ба гумони ман, ҳамон касе ки ӯ ба вай бештар бахшидааст»*. Инро эътироф намуда, ӯ худро маҳкум намуд, ки инро Исо ба ӯ баъдтар нишон дод.

**7,44-47** Аз ҳамон лаҳзае ки Худованд *ба хона омад,* зан ба Ӯ муҳаббати худро изҳор мекард. Бар хилофи вай, фарисӣ Ӯро хеле сард пазирой намуд, ҳатто дар бораи риояи назокати муқаррарӣ ба монанди шустани пойи меҳмон, аз рухсораш бӯсидан ва барои тадҳини сар равған додан ҳам андеша нанамуд. Чаро ӯ чунин рафтор кард? Сабаб дар он аст, ки зан мефаҳмид, ки ба ӯ чӣ андоза зиёд бахшида шудааст, дар ҳоле ки Шимъун ҳаргиз худро гуноҳкори бузург ҳис намекард. *«Касе ки кам бахшида шуда бошад, муҳаббати кам зоҳир менамояд»*.

Исо гумон намекард, ки фарисӣ гуноҳкори бузург набуд. Ӯ аниқтараш зикр намуд, ки Шимъун ҳеҷ гоҳ вусъати гуноҳи худро эътироф намекард ва бахшида нашуда буд. Агар ӯ инро мефаҳмид, вай Худовандро ҳамон қадар зиёд дӯст медошт, ки фоҳиша Ӯро дӯст медошт. Ҳамаи мо гуноҳкори азим мебошем. Ҳамаи мо бахшидашавии бузургро аз сар гузаронда метавонем. Ҳамаи мо Худовандро *бисёр* дӯст дошта метавонем.

**7,48** Баъд Исо дар назди ҳама ба зан эълон намуд, ки *гуноҳҳои* вай *бахшида шудаанд*. Вай *ба шарофати* муҳаббати худ ба Масеҳ бахшида нашуд; муҳаббати вай *натиҷаи* бахшида шудан буд. Вай аз он сабаб муҳаббати бисёре зоҳир намуд, ки гуноҳҳои бисёри вай бахшида шуда буданд. Исо аз ин ҳодиса истифода бурд,

то дар назди ҳама оид ба бахшида шудани гуноҳҳои вай эълон намояд.

**7,49-50** Меҳмонони дигар дар дили худ мепурсиданд, ки оё Исо ҳуқуқи бахшидани *гуноҳҳоро* дорад ё не. Дили ҷисмонӣ файзро дӯст намедорад. Лекин Исо аз нав *занро* ба он бовар кунонд, ки *имонаш* ӯро *наҷот дод* ва ӯро *ба саломатӣ* ҷавоб дод. Ин он чизест, ки равоншиносон карда наметавонанд. Онҳо ҳисси айбдориро шарҳ дода бартараф карда метавонанд, вале хурсандӣ ва осудагиеро, ки Исо медиҳад, дода наметавонанд.

Баъзе масеҳиён рафтори Худованди моро нодуруст маънидод мекунанд, ки Ӯ аз дастурхони фарисӣ хӯрок хӯрда, бо одамони беимон муносибатҳои наздик доштан, ба чорабиниҳои дилхушкунандаи онҳо рафтан ва дар хурсандии онҳо иштирок намуданро ҳимоя намуд. Райл огоҳ мекунад:

*Он касе ки аз чунин далел истифода мебарад, хуб мебуд ба ёд оварад, ки дар ин ҳолат Худованд Худ чӣ гуна рафтор мекард. Ӯ «кори Падари Худ»-ро иҷро мекард, ва сабаби ба сари дастурхони фарисӣ нишастани Ӯ низ ҳамин буд. Ӯ фарисиро дар гуноҳе ки вайро иҳота кардааст, фош намуд. Ӯ ба вай табиати аз рӯи файз омурзида шудани гуноҳҳо ва сирри ҳақиқатан дӯст доштани Ӯро шарҳ дод. Ӯ моҳияти наҷотдиҳандагии имонро эълон намуд. Агар масеҳиёне ки ба фоидаи муносибатҳои наздик бо беимонон далел меоваранд, ба хонаҳои онҳо дар рӯҳияи Худованди мо раванд, гап зананд ва чун Худованд рафтор намоянд, пас бигзор онҳо ин таҷрибаро давом диҳанд. Вале оё онҳо дар сари дастурхони шиносҳои беимони худ ҳамон хел сухан мегӯянд ва рафтор менамоянд, ки Исо дар сари дастурхони Шимъун кард? Ба ин савол ҷавоб додани онҳо хуб мебуд.*[18]

## Ё. Баъзе занон ба Исо хизмат мекунанд (8,1-3)

**8,1-3** Набояд фаромӯш кард, ки Инҷил фақат баъзе ҳодисаҳоро аз ҳаёт ва фаъолияти Худованди мо тасвир менамояд. Рӯҳулқудс бо хоҳиши Худ баъзе мавзуъҳоро интихоб намуд ва аксари дигарро партофта гузашт. Ин ҷо дар назди мо нақли одиест оид ба он ки Исо бо шогирдони Худ *дар шаҳрҳо ва деҳоти* Ҷалил гашта хизматгузорӣ мекард. Вақте ки Ӯ оид ба *Подшоҳии Худо* мужда расонда мавъиза мекард, *заноне* ки Ӯ баракат дод, эҳтимол бо хӯрок ва манзил ба Ӯ хизмат мекарданд. Масалан, дар ин ҷо *Марям* буд, *ки Маҷдалия номида мешуд*. Тахмин менамоянд, ки вай зани боломақом аз Маҷдал (Миҷдӯл) буд. Дар ҳар сурат, аз ӯ ба тариқи муъҷизаосо *ҳафт дев* берун карда шуда буд. Дар он ҷо *Юҳона* низ буд, ки шавҳари ӯ *амалдори Ҳиродус* шуда хизмат мекард ва ҳамчунин *Сусанна ва одамони дигар* буданд. Муҳаббати онҳо ба Худованди мо пайхаснашуда ва тақдирнашуда намонд. Бо Исо моликияти худро бо ҳам дида, онҳо хеле кам дар бораи он фикр мекарданд, ки масеҳиёни тамоми асрҳои баъдина дар бораи саховатмандӣ ва меҳмоннавозии онҳо мехонанд.

Мавзӯи хизмати Худованди мо аз муждаи *Подшоҳии Худо* иборат буд. *Подшоҳии Худо* Подшоҳии дидашаванда ва диданашавандаро ифода мекунад, дар ҳама ҷое ки ҳокимияти Худо эътироф карда мешавад. Матто истилоҳи «Подшоҳии Осмонӣ»-ро истифода мебарад, вале он дар асоси худ ҳамон чиз аст ва маънои онро дорад, ки «Ҳаққи Таоло бар салтанати одамизод ҳукмфармост» (Дон. 4,29) ва «Подшоҳии Ӯ то абад аст» (Дон. 4,31).

Дар Аҳди Нав мо дар бораи якчанд марҳалаи инкишофи Подшоҳӣ мехонем:

1. Пеш аз ҳама Яҳёи Таъмиддиҳанда дар бораи Подшоҳӣ эълон намуд, ки ӯ гуфта буд, ки он наздик омадааст (Мат. 3,1.2).
2. Баъд Подшоҳӣ ҳақиқатан дар Шахсияти Подшоҳ ҳузур дошт («зеро инак, Подшоҳии Худо дар дохили шумост», Луқ. 17,21). Ин хушхабар оид ба Подшоҳӣ буд, ки онро Исо эълон намуд. Ӯ худро ба сифати Подшоҳи Исроил пешниҳод намуд (Луқ. 23,3).
3. Баъдтар мо мебинем, ки чӣ тавр халқи Исроил Подшоҳии Худоро рад менамояд (Луқ. 19,14; Юҳ. 19,15).
4. Имрӯз Подшоҳӣ дар шакли пинҳонӣ ҳузур дорад (Мат. 13,11). Масеҳ-Подшоҳ муваққатан ҳузур надорад, вале баъзе одамон дар замин ҳукмронии Ӯро дар дилҳои худ эътироф менамоянд. Ба маънои муайян Подшоҳӣ имрӯз ҳамаи онҳоеро фаро мегирад, ки ҳукмронии Худоро дар сухан эътироф менамоянд, ҳатто агар ҳақиқатан бовар накарда бошанд ҳам.

Ин соҳаи эътиқоди зоҳирӣ дар масали коранда ва тухм (Луқ. 8,415), гандум ва мастак (Мат. 13,24-30) ва ҳамчунин моҳӣ дар тӯр (Мат. 13,47-50) маълум аст. Вале ба маънои ҳақиқӣ ва амиқи худ Подшоҳӣ танҳо онҳоеро дар бар мегирад, ки сӯи Худо бозгаштаанд (Мат. 18,3) ё аз олами боло таваллуд ёфтаанд (Юҳ. 3,3). Ин ҳудуди воқеияти дохилист. (Ниг. шарҳ ба Мат. 3,1.2).

5. Замоне Подшоҳӣ ба маънои аслӣ дар ин ҷо, дар замин, барқарор карда мешавад ва Худованд Исои Масеҳ ҳазор сол чун Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон ҳукмронӣ мекунад (Ваҳй 11,15; 19,16; 20,4).
6. Марҳилаи охирин чун «Подшоҳии абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ» маълум аст (2Пет.1,11). Ин Подшоҳӣ дар абадият аст.

## Ж. Масал дар бораи коранда (8,4-15)

**8,4-8** *Масал* дар бораи *коранда* Подшоҳиро дар шакли ҳозираи он тасвир менамояд. Вай моро таълим медиҳад, ки Подшоҳии Худо дар худ ҳам эътирофкунандагон ва ҳам имондорони ҳақиқиро дар бар мегирад. Ва он чун асос барои огоҳонидани тантанавӣ дар бораи он хизмат мекунад, ки мо бояд Каломи Худоро чӣ гуна *гӯш кунем*. Мавъиза ва пандҳоро аз Навиштаи Муқаддас сабукфикрона гӯш кардан мумкин нест. Онҳое ки онро гӯш мекунанд, нисбат ба ҳозира масъулияти бештаре доранд. Агар онҳо шунидаашонро рад кунанд, ё ба Калом интихобан итоат кунанд, пас инро барои ҳалокати худ мекунанд. Вале агар онҳо Каломро гӯш кунанд ва ба он итоат кунанд, пас ба қабули бештари нур аз Худо қобил мегарданд. Исо *масалро ба мардуми зиёд* нақл кард ва баъд ба шогирдон шарҳ дод.

Дар масал дар бораи *коранда*, *тухмии* вай, чор намуди замине ки *тухмиро* қабул кард ва чор натиҷа гуфта мешавад.

| Намуди замин | Натиҷа |
|---|---|
| 1. *Канори роҳ* | Аз *тарафи одамон* поймол шуд ва парандагони осмон онро хӯрданд. |
| 2. *Санглох* | Хушк *шуд, зеро ки* рутубате набуд. |
| 3. *Хорҳо* | Хорҳо *қад кашида* онро пахш карданд. |
| 4. *Хоки нағз* | *Сабзида, сад баробар* бор овард. |

Худованд масалро бо суханони: *«ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»* ба охир расонд. Дигар хел карда гӯем, вақте ки шумо Каломи Худоро мешунавед, эҳтиёт шавед, ки онро чӣ тавр қабул мекунед. Барои он ки ҳосил ба даст ояд, тухмӣ бояд ба *хоки нағз* афтад.

**8,9-10** *Шогирдони* Исо аз Ӯ оид ба маънои *ин масал* пурсиданд ва Худованд шарҳ дод, ки *сирри Подшоҳии Худо* ба ҳар як одам фаҳмо намешавад. Азбаски шогирдон бовар кардан ва итоат намудан мехостанд, ба онҳо донистани маънои таълимоти Масеҳ *дода* шудааст. Вале Исо қасдан бисёр ҳақиқатро ба шакли *масалҳо* баён менамуд, то ки дигарон, ки дар онҳо муҳаббати ҳақиқӣ нисбат ба Ӯ нест, нафаҳманд; ба тавре ки *онҳо нигоҳ мекунанд, вале намебинанд ва гӯш медиҳанд, вале намефаҳманд.* Ба маънои муайян онҳо мешуниданд ва медиданд. Масалан, онҳо медонистанд, ки Исо дар бораи коранда ва тухмии ӯ сухан мегӯяд. Вале онҳо маънои чуқуртари ин мисолро намефаҳмиданд. Онҳо нафаҳмиданд, ки дилҳои онҳо – замини сахт, бо хор пахш кардашуда мебошад ва аз Каломи шунидаашон ба онҳо фоидае набуд.

**8,11-15** Худованд фақат ба шогирдон маънои *масалро* ошкор кард. Онҳо аллакай таълимотеро, ки ба даст оварданд, қабул намуданд, бинобар ин ба онҳо зиёдтар ато карда хоҳад шуд. Исо фаҳмонд, ки *тухм Каломи Худост,* яъне ҳақиқати Худо – таълимоти Ӯ.

*Канори роҳ* афтодагон, рамзи онҳоест, ки Каломро шуниданд, вале ба вай рӯякӣ ва саҳлангорона муносибат намуданд. Вай дар сатҳи берунии ҳаёти онҳо монд. Бинобар ин Каломро аз дили онҳо бурдани *иблис* (мурғони осмонӣ) осон буд.

Шунавандагоне ки чун замини *санглох* нишон дода шудаанд, ҳамчунин Каломро шуниданд, вале ба ӯ имкон надоданд, ки ба онҳо ворид шавад. Онҳо тавба накарданд. Тухм дилгармӣ (рутубат) нагирифт, бинобар ин вай хушк шуд ва мурд. Эҳтимол, дар ибтидо онҳо ба имони худ бисёр нағз пайравӣ мекарданд,

вале ин ҳақиқӣ набуд. Онҳо аз берун зинда менамуданд, вале дар дохил *реша* надоштанд. Вақте ки мусибатҳо омаданд, онҳо эътирофи масеҳии худро тарк карданд.

Шунавандагони бо замини хордор муқоисашаванда муддате хуб мерафтанд, вале худро имондорони ғайрисамимӣ нишон доданд, зеро онҳо барои пеш рафтан устуворӣ ва сабр надоштанд. Ташвишҳои зиндагӣ, сарват ва лаззатҳои рӯзгор бар онҳо боло гирифтанд, Калом бошад хомӯш ва пахш карда шуда буд.

Замини *нағз* имондорони ҳақиқии диллашон *нек* ва *покро* нишон медиҳанд. Онҳо на танҳо Каломро қабул намуданд, балки ба Ӯ барои зиндагии онҳоро ба тартиб овардан иҷозат доданд. Онҳо ба таълимот таъсирпазир ва ба он фармонбардор буда, хислати ҳақиқии масеҳиро парвариданд ва барои Худо *самар* оварданд.

Дарбӣ он чиро, ки дар ин порча баён шудааст, ба тариқи зер ҷамъбаст менамояд:

*Агар, Каломро шунида, ман на фақат аз шунидаам хурсандӣ кунам, балки онро соҳиб шавам, агар чизи шунида як қисми ҷони ман гардад, пас ман боз ҳам бештар ба даст меоварам; зеро вақте ки ҳақиқат дороии ҷони ман мегардад, он гоҳ қобилияти қабулкунии боз ҳам бештаре пайдо мешавад.*[19]

### 3. Масъулияти шунавандагон (8,16-18)

**8,16** Дар назари аввал, ин қисм ва қисмҳои пешина байни худ алоқаманд нестанд. Вале дар асл ҷараёни пай дар пайи андеша дар ин ҷо қатъ намешавад. Наҷотдиҳанда то ба ҳол аҳамияти онро зикр менамояд, ки шогирдони Ӯ бо таълимоти Ӯ чӣ навъ рафтор менамоянд. Ӯ Худро ба одаме монанд мекунад, ки *шамъро даргиронда, онро бо зарфе намепӯшад ё ба зери кате намегузорад,* балки онро *бар шамъдон* мемонад, то ки тамоми одамон *рӯшноиро бинанд.* Қоидаҳои асосии Подшоҳии Худоро ба шогирдон баён намуда, Ӯ шамъро дармегиронд. Онҳо бо он бояд чӣ кор кунанд?

Пеш аз ҳама, онҳо набояд онро *бо зарф* пӯшонанд. Дар Матто 5,15, Марқӯс 4,21 ва Луқо 11,13 ҳамчунин дар бораи зарфе гуфта мешавад, ки он дар доираи савдо ҳамчун ченак истифода мешуд. Ҳамин тавр, ин шамъи зери зарфи ченак пинҳон кардашуда онро ифода карда метавонист, ки дар давуҷеғи зиндагонии соҳибкорӣ шаҳодати одам панаҳ карда мешуд ё зада берун бароварда мешуд. Шамъро ба болои зарфи ченакӣ гузоштан, яъне масеҳиятро дар доираи соҳибкорӣ ҳам таҷриба намудан ва соҳибкории худро чун минбар барои паҳн кардани хабари Инҷил истифода бурдан беҳтар мебуд.

Баъдан, шогирдон шамъро *дар зери кат* набояд пинҳон кунанд. Кат дар бораи роҳат, ҳузуру ҳаловат, танбалӣ ва тағофул бо худ мегӯяд. Ҳамаи ин ба рӯшноӣ чӣ қадар мамониат мекунад! Шогирд шамъро бояд дар шамъдон гузорад. Дигар хел карда гӯем, Ӯ аз рӯи ҳақиқат бояд зиндагонӣ кунад ва онро мавъиза намояд, то ки ҳама онро дида тавонанд.

**8,17** Ояти 17, шояд, ба он ишорат менамояд, ки агар мо ба ҳаёти соҳибкорона ё ба танбалӣ имкон диҳем, ки Каломро мавъиза намудани моро маҳдуд кунанд, пас ин беэътиноӣ ва беасосии мо ошкор мешавад. Ҳақиқати пинҳонкарда *маълум* мегардад ва онро пинҳон кардани мо *аён* мешавад.

**8,18** Бинобар ин мо бояд бодиққат бошем, ки чӣ хел гӯш мекунем. Агар мо ҳақиқатро ба дигарон дуруст баён мекарда бошем, пас Худо ба мо ҳақиқатҳои нав ба нав ва амиқтареро ошкор мекунад. Баръакс, агар мо дар муждарасонӣ рӯҳи ғайратро доро набошем, пас Худо моро аз ҳақиқате, ки мо гӯё дорем, маҳрум месозад. Мо он чиро, ки истифода намебарем, гум мекунем. Г. Ҳ. Ланг шарҳ медиҳад:

*Шогирдон бо ақл фаҳмидан, бо майли тамом бовар кардан ва фармонбардориро нишон додан хоста, гӯш мекарданд; дигарон бепарвоёна, ё аз кунҷковӣ, ё ба шунидаашон бо қатъият муқобилият намуда гӯш мекарданд. Ба аввалиҳо фаҳмиши бештаре дода хоҳад шуд; дуюмиҳо аз ҳамон донише, ки гӯё доранд, маҳрум мегарданд.*[20]

*Агар мо Хушхабари осмониро нигоҳ доштан хоҳем,*
*Бояд онро ба дигарон расонем;*
*Ато карданро бас карда, мо дороиро бас мекунем –*
*Қонуни муҳаббат дар ҳамин аст.*

Р. С. Тренч

### И. Модар ва бародарони ҳақиқии Исо (8,19-21)

**8,19-21** Дар ҳамон лаҳзае ки Исо нутқи Худро мегуфт, ба Ӯ гуфтанд, ки ба назди Ӯ *модар ва бародаронаш* омадаанд ва Ӯро интизоранд, то мулоқот намоянд. Онҳо *ба сабаби бисёрии мардум ба Ӯ наздик шуда наметавонистанд.* Дар ҷавоб Худованд гуфт, ки муносибатҳои ҳақиқӣ бо Ӯ ба робитаи табиӣ вобаста нестанд, балки ба итоат ба *Каломи Худо* вобаста мебошанд. Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки аз Калом тарси эҳтиромона доранд, онро бо фурӯтанӣ қабул менамоянд ва ба итоат ботинан тайёранд, аъзоёни оилаи Худ эътироф намуд. Ҳеҷ гуна тӯда халал расонида наметавонад, ки оилаи рӯҳонии Ӯ пеши Ӯ омада тавонад.

### Й. Писари Одам тӯфонро ором мекунад (8,22-25)

**8,22** Баъдтар ин боб нақл мекунад, ки чӣ тавр Исо ҳукмронии Худро бар қувваҳои табиат, девҳо, бемориҳо ва ҳатто бар марг ҳам зоҳир менамояд. Ҳама чиз ба сухани Ӯ итоат мекунад; танҳо одамон Ӯро рад мекунанд.

Тӯфонҳои сахт дар баҳри Ҷалил ногаҳон сар шуда, киштирониро хатарнок мекунанд. Вале, эҳтимол, маҳз ҳамин тӯфонро шайтон ташкил карда буд; шояд ӯ ба нест кардани Наҷотдиҳандаи ҷаҳон кӯшиш карда буд.

**8,23** Вақте ки тӯфон бархост, Исо мехобид; он далел, ки *Ӯро хоб рабуд,* ҳақиқати табиати одамии Ӯро тасдиқ менамояд. *Тӯфон* бо сухани Исо ором шуд; ин далел илоҳияти мутлақи Ӯро тасдиқ менамояд.

**8,24** Шогирдон Устодро *бедор карда, оид ба* бехатарии худ хавфу тарси сахт баён намуданд. Бо худдории комил Ӯ бархост ва ба *бод* ва мавҷҳо *фармон дод* ва *оромӣ фаро расид.* Он кореро, ки Ӯ дар баҳри Ҷалил ба амал овард, имрӯз барои шогирди ғамгин ва аз тӯфонҳо ларзидаистода низ карда метавонад.

**8,25** Ӯ аз шогирдон пурсид: *«Имони шумо куҷост?»* Онҳо набояд ба изтироб меомаданд. Онҳо набояд Ӯро бедор мекарданд. Ҳеҷ гуна обҳо киштиеро, ки дар он Ҳокими уқёнус, замин ва осмонҳо хобидааст, фурӯ бурда наметавонанд. Дар киштӣ бо Масеҳ будан – яъне дар бехатарии мутлақ ва оромӣ будан аст.

Шогирдон ҳудудҳои қудрати Худованди худро пурра баҳо намедоданд. Фаҳмиши онҳо дар бораи Ӯ кифоя набуд. *Онҳо ҳайрон шуданд,* ки қувваҳои табиат ба Ӯ итоат мекунанд. Онҳо аз мо бо ҳеҷ чиз фарқ намекарданд. Дар тӯфонҳои зиндагӣ мо ҳам аксаран ба навмедӣ меафтем. Баъд, вақте ки Худованд ба ёрии мо меояд, мо аз қудрати зоҳирнамудаи Ӯ ҳайрон мешавем. Ва мо аз он ҳайрон мешавем, ки ба Ӯ боз пурратар эътимод намекардем.

### Ӣ. Шифо ёфтани девзадаи ҷадарӣ (8,26-39)

**8,26-27** Вақте ки Исо ва шогирдони Ӯ ба соҳил расиданд, дар сарзамини *Ҷадариён* буданд. Дар он ҷо ба онҳо *марди* девзада вохӯрд. Матто ду девонаро ёдовар мешавад, Марқӯс ва Луқо танҳо дар бораи як нафар сухан мегӯянд. Чунин номувофиқати зоҳирӣ аз он дарак дода метавонад, ки дар ҳақиқат ду ҳодисаи гуногун буд, ё як муаллиф, нисбат ба дигарон, тасвири пурратареро додааст. Дар ин ҳодисаи аниқ қурбонии девзада *либос намепӯшид,* аз ҷамъият мегурехт ва *дар миёни қабрҳо* зиндагонӣ мекард.

**8,28-29** *Исоро дида,* вай илтиҷо кард, ки ӯро ором гузоранд. Албатта, ба воситаи ин одами бадбахт *рӯҳи нопок* сухан меронд.

Девзадагӣ ҳақиқат аст. Ин девҳо на фақат таъсир буданд. Ин махлуқоти фавқуттабиие буданд, ки дар одам сокин гардида, фикрҳо, нутқ ва рафтори ӯро идора мекарданд. Ин девҳои муайян одамро ба фавқулода тундхӯ будан маҷбур месохтанд – ба андозае ки дар вақти чунин як авҷи шиддати ғазаб ӯ *занҷирҳоро,* ки бо онҳо ӯро мебастанд, *меканд* ва *ба биёбон* мегурехт. Ва ин ҳайратовар нест, вақте мо мебинем, ки дар ҳамин одам он қадар девҳои зиёд ҷамъ омадаанд, ки метавонанд тақрибан ду ҳазор хукҳоро несту нобуд кунанд (ниг. Марқ. 5,13).

**8,30-31** *Номи* ин одам *«легион»* буд, зеро ӯро легиони *девҳо* девона карда буданд. Ин девҳо Исоро чун Писари Худои Таоло шинохтанд. Онҳо ҳамчунин дар бораи ногузирии доварӣ бар онҳо ва оид ба он ки Ӯ онро бояд ба амал меоварад, медонистанд. Вале онҳо ба таъхир андохтанро мехостанд ва аз Исо хоҳиш мекарданд, *ки онҳоро фармуда ба асфалуссофилин нафиристад.*

**8,32-33** Онҳо иҷозат пурсиданд, ки одамро тарк карда, ба *галаи бисёри хукҳо,* ки *дар болои кӯҳ* мегаштанд, дароянд. Онҳо чунин иҷозат гирифтанд, ва дар натиҷа галаи хукҳо *аз баландӣ ба кӯл ҷаст ва ғарқ шуд.* Имрӯз Худовандро барои нест кардани моликияти касе танқид менамоянд. Вале агар хукҳоро яҳудиён бонӣ мекарда бошанд, пас машғулияти онҳо нопок ва ғайришаръӣ буд. Хоҳ яҳудиён ё хоҳ ғайрияҳудиён бошанд, онҳо як одамро нисбат ба ду ҳазор хук бояд бештар қадр мекарданд.

**8,34-39** Хабар зуд дар он сарзамин паҳн гашт. Вақте ки мардуми зиёде ҷамъ омаданд, онҳо девонаи пештараро диданд, ки пурра ба ҳолати муътадил ва сиҳат баргаштааст. Аҳолии кишвари *ҷадариён* чунон мушавваш гардиданд, ки аз Исо *илтимос карданд, ки* аз пеши онҳо *баромада равад.* Онҳо аз Наҷотдиҳанда дида бештар дар бораи хукҳои худ фикр мекарданд; аз ҷони худ дида дар бораи афзоиши хукҳои худ бештар ғамхорӣ мекарданд. Дарбӣ ёдовар мешавад:

*Ҷаҳон, дар кайфу сафои худ зистанро хоста, аз ҳузури қувваи Худо дида бештар аз ҳузури легиони девҳо безобита мешавад, ва аз Исо хоҳиш менамояд, ки равад. Исо меравад. Одами шифоёфта ... мехоҳад бо Ӯ бошад, вале Худованд ӯро бармегардонад ... то ки шаҳодатдиҳандаи файз ва қудрате бошад, ки дар ӯ зоҳир карда шудааст.*[21]

Баъдтар Исо аз нав ба Декаполис ташриф овард, Ӯро мардуми зиёде ки ба Ӯ хайрхоҳ буданд, пазирої намуданд (Марқ. 7,31-37). Оё ин натиҷаи шаҳодати садоқатмандонаи девонаи шифоёфта буд?

## К. Исо зани сиҳатнашавандаро шифо медиҳад ва мурдаро зинда мекунад (8,40-56)

**8,40-42** *Исо* баргашта ба воситаи баҳри Ҷалил ба соҳили ғарбӣ равона шуд. Дар он ҷо мардуми зиёде ҷамъ омаданд, ки *мунтазири Ӯ* буданд. *Ёир, сардори куништ* махсус мекӯшид Ӯро бинад, зеро *духтари дувоздаҳсолаи* ӯ дар ҳолати мурдан буд. Ӯ аз Исо исроркорона ҳамон дам ба хонаи ӯ омаданро *хоҳиш менамуд.* Вале мардум *Ӯро фишор дода,* ба пешравиаш халал мерасониданд.

**8,43** Дар байни тӯда *зани* беҷуръат, вале ноилоҷшуда буд, ки *дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буд.* Луқои табиб фарз мекунад, ки вай *тамоми дорої* ва пасандозро ба табибон сарф карда буд, вале ҳеҷ кадом аз *табибон* ӯро шифо дода натавонист. (Марқӯс хулосаи ғайрикасбӣ мекунад, ки аслан ҳолати ӯ бадтар шуд!)

**8,44-45** Вай ҳис намуд, ки дар Исо қуввае ҳаст, ки ӯро шифо мебахшад ва бинобар ин аз миёни анбӯҳи одамон ба он ҷое, ки Ӯ буд, гузашт. Наздик шуда, вай ба домани либоси Ӯ даст расонд – зеҳ ё шилшилаи поёнии либоси яҳудӣ (Ад. 15,38-39; Так. Шар. 22,12). *Ва дарҳол хунравии вай қатъ шуд* ва ӯ комилан шифо ёфт. Вай оҳистаякак рафтанӣ шуд, вале ба гурехтани ӯ саволи Исо мамониат кард: *«Кист, ки ба Ман даст расонд?» Петрус* ва дигар шогирдон фикр карданд, ки ин саволи на он қадар оқилона аст: одамони хеле гуногун тела дода ва Ӯро ламс намуда фишор меоварданд!

**8,46** *Аммо Исо* тамоман навъи дигари ламсро фаҳмид. Чунон ки як кас гуфтааст: «Ҷисм тела медиҳад, имон бошад даст мерасонад». Ӯ медонист, ки касе ба Ӯ бо имон *даст расонд,* зеро *қуввае* аз Ӯ беруншударо ҳис намуд, – қуввае ки занро шифо дод. Ӯ *ҳис намуд,* ки *аз Ӯ қувва* берун шуд. Албатта, Ӯ нисбат ба он ки пеш аз ин буд, камтар боқувват нашуд; вале шифобахшӣ барои Ӯ қимате дошт. Сарфшавии қувва рӯй дод.

**8,47-48** *Зан тарсону ларзон омада* бахшиш пурсид, аз чӣ сабаб *ба Ӯ даст расонданашро* шарҳ дод ва сипосгузорона дар бораи ҳодисаи вокеъшуда шаҳодат дод. Исо эътирофи ӯро дар назди умум таҳсин намуд, дар назди тамоми мардум *имони* ӯро тақдир намуд ва ба ӯ *саломатӣ* хост. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ гоҳ Исоро бо имон чунон даст намерасонад, ки Ӯ надонад ва баракати Худро ато накунад. Ҳеҷ гоҳ касе дар назди умум оид ба Исо шаҳодат намедиҳад бе он ки дилпурияш ба наҷот тақвият ёбад.

**8,49** Эҳтимол, шифоёбии зани гирифтори хунравӣ Исоро дар роҳ ба муддати дароз нигоҳ надошт, вале ин муддат кифоя буд, ки қосиде бо чунин хабар омад, ки *духтари* Ёир *мурд* ва, яъне, мадади Устод дигар лозим нест. Бовар ба он ки Ӯ шифо бахшида метавонад, буд, вале бовар ба он ки Ӯ мурдаро зинда карда метавонад, набуд.

**8,50** Вале *Исоро* аз нияташ баргардонидан он қадар осон набуд. Ӯ суханони тасаллобахш,

рӯҳбаландкунанда ва ваъдаро *гуфт: «Натарс, фақат имон дошта бош ва ӯ наҷот меёбад».*

**8,51-53** Ба хона омада, Ӯ ба ҳуҷра даромад, бо Худ танҳо *Петрус, Юҳанно ва Яъқубро* ҳамроҳи падару модар гирифт. Ҳама аз ғам мегиристанд, вале Исо ба онҳо фармуд, ки гирьяро бас кунанд, зеро ки духтарча *намурдааст, балки хобидааст.* Бар Ӯ хандиданд, зеро онҳо аниқ медонистанд, *ки ӯ мурдааст.*

Оё ӯ ҳақиқатан мурд ё дар хоби чуқуре монанди иғмо (кома) буд? Аксари тафсиркунандагон бо он розианд, ки Ӯ мурда буд. Онҳо ишорат менамоянд, ки Исо дар бораи Элъозор ҳам гуфта буд, ки ӯ хоб аст, ба он маъное ки ӯ мурдааст. Роберт Андерсон мегӯяд, ки дар ҳақиқат духтарча намурда буд.[22] Ана далелҳои ӯ:

1. Исо гуфт, ки духтарча наҷот хоҳад ёфт. Вай худи ҳамон суханеро, ки дар ояти 48-уми ҳамин боб истифода шудааст, ба кор бурд, ки на ба растохез, балки ба шифоёбӣ дахл дорад. Ин сухан дар Аҳди Нав ягон маротиба ҳам вақте ба кор бурда намешавад, ки сухан дар бораи растохез аз мурдагон меравад.
2. Исо дар ҳодиса бо Элъозор калимаи дигареро ба маънои «хоб рафтан» ба кор бурд.
3. Одамон фикр мекарданд, ки вай мурдааст, вале азбаски Исо аниқ донист, ки ӯ хобидааст, даъвои аз мурдагон зинда намуданро намекард.

Андерсон мегӯяд, ки масъала танҳо ба он вобаста аст, ки мо ба кӣ мехоҳем эътиқод намоем. Исо гуфт, ки вай хобидааст. Дигарон фикр мекарданд, ки медонанд, ки вай мурдааст.

**8,54-56** Ба ҳар ҳол Исо ба ӯ гуфт: *«Эй духтар! Бархез». Вай дарҳол бархост.* Ӯро ба падару модар баргардонда, Исо ба онҳо фармуд, ки дар бораи муъҷиза нақл накунанд. Ӯ ба шуҳрат, ваҷди ноустувори мардум, кунҷковии беҳуда рағбат надошт.

Соли дуюми хизмати Исо дар назди умум бо ҳамин ба охир мерасад. Боби 9-ум соли сеюмро мекушояд, ки он бо фиристодани дувоздаҳ нафар сар мешавад.

## Қ. Писари Одам шогирдони Худро мефиристад (9,1-11)

**9,1-2** Ин ҳодиса фиристодани *дувоздаҳ нафарро* дар Матто 10,1-15 ба хотир меоварад, вале фарқҳои намоён дорад. Масалан, дар Матто ба шогирдон фақат ба назди яҳудиён рафтан фармуда шуда буд, ба онҳо на танҳо *шифо додани беморон,* балки зинда кардани мурдагон низ фармуда шуда буд. Эҳтимол, Луқо бе сабаб нақли худро кӯтоҳ накардааст, вале ба мо ин сабаб маълум нест. Худованд на танҳо қувват ва қудрати муъҷиза офариданро соҳиб буд, балки Ӯ ҳамчунин ин *қудрат ва қувватро* ба дигарон ҳам *мебахшид. Қувват* мустаҳкамӣ ё қобилиятро ифода мекунад. *Қудрат* ҳуқуқи истифода аз онро ифода мекунад. Дар набудани Навиштаи Муқаддаси пурра дар шакли навишташуда мавъизаи шогирдон ба воситаи аломатҳо ва муъҷизаҳо тасдиқ мегардид (Ибр. 2,3.4). Худо ба таври муъҷизаосо шифо бахшида метавонад, вале шубҳаовар аст, ки оё ҳозир ҳам шифобахшӣ бояд бо мавъизаи Инҷил ҳамроҳӣ кунад.

**9,3-5** Акнун шогирдон имконияти дар таҷриба истифода бурдани принсипҳоеро, ки Худованд ба онҳо таълим дод, ба даст оварданд. Онҳо дар қонеъ гардонидани талаботҳои моддиашон бояд ба Ӯ бовар мекарданд – онҳо бо худ *на тӯрбае* мегирифтанд, *на ноне, на пуле.* Ба онҳо хеле одӣ зистан лозим меомад – ҳеҷ чизи зиёдатӣ, ҳатто ду пироҳан ҳам набояд медоштанд. Онҳо бояд дар аввалин *хонае* ки он ҷо онҳоро қабул мекунанд, *мемонданд,* – ба умеди ёфтани манзили қулайтаре аз ҷое ба ҷое намегузаштанд. Онҳо набояд дар байни онҳое ки Каломро рад мекарданд, бисёр меистоданд, ё ба онҳо фишор меоварданд; мувофиқи дастур, онҳо бояд *чанги пойҳои* худро *меафшонданд, то шаҳодате бар онҳо гардад.*

**9,6** Шогирдон, аз афташ, дар деҳоти Ҷалил мегаштанд, ки дар он ҷо Хушхабарро мавъиза менамуданд ва беморонро шифо мебахшиданд. Бояд ёдовар шуд, ки муждаи онҳо ба Подшоҳӣ алоқаманд буд, – онҳо ба мардум оид ба ҳузури Шоҳ дар байни онҳо ва хоҳиши ба тавбакардагон ҳукмрон шудани Ӯро эълон мекарданд.

**9,7** *Ҳиродуси* Антипос дар он замон дар Ҷалил ва Перея *тетрарх* буд. Ӯ бар чоряки сарзамине ки ба қаламрави падари Ӯ Ҳиродуси бузург дохил буд, ҳукмронӣ мекард. Ба Ӯ хабаре расид, ки дар сарзамини ӯ касе муъҷизаҳои бузург ба амал меоварад. Дар шуури ӯ дарҳол саволҳо ба вуҷуд омадан гирифтанд. Хотираҳо дар бораи *Яҳёи* Таъмиддиҳанда то

ба ҳол ӯро безобита мекарданд. Ҳиродус Яҳё-ро сар зада, ин овози бебокро ба хомӯш шудан маҷбур кард, вале то ҳол вай аз қувваи ҳаёти ӯ дар тарс буд. Кӣ буд он шахс, ки Ҳиродусро ҳамеша водор менамуд, то дар бораи Яҳё фикр кунад? Овозае паҳн шуда буд, ки *Яҳё аз мурдагон бархестааст.*

**9,8-9** Баъзеҳо тахмин мекарданд, ки эҳтимол, *Яҳё* зуҳур кардааст ё *яке аз пайғамбарони* Аҳди Қадим. *Ҳиродус* сар задани Яҳёро ба дигарон ёдрас намуда, мекӯшид воҳимаи худро ором кунад. Вале тарс ӯро намегузошт. *Ин кист?* Вай *мехост Ӯро бинад,* вале танҳо пеш аз ба салиб кашида шудани Ӯ дид.

Қувваи ҳаёти пур аз Рӯҳулқудс! Худованд Исои Масеҳ, дуредгар аз Носира, Ҳиродусро, ки Ӯро ҳатто надида буд, ба ларза меовард. Таъсири одами пур аз Рӯҳулқудсро кам баҳо додан мумкин нест!

**9,10** *Расулон, баргашта,* дар бораи натиҷаи миссияи худ бевосита ба Худованд Исо хабар доданд. Эҳтимол, ин барои ҳамаи меҳнаткашони масеҳӣ қоидаи хубе мебуд. Ба ҳама баён кардани корҳо бениҳоят зиёд ба ҳасад ва ҷудошавӣ мебарад. Ҷ. Кемпбел Морган инро чунин шарҳ медиҳад: «Шавқи мо ба баҳисобгирӣ на аз рӯҳ, балки аз худбинӣ ва ҷисм бармеояд». Худованди мо шогирдони Худро бо Худ *гирифт* ва *ба ҷои* махсусан *хилвате* дар қарибии *Байт-Сайдо* («хонаи моҳигирӣ») рафт. Чунин менамояд, ки дар он замон ду Байт-Сайдо буд, – яке дар соҳили ғарбии баҳри Ҷалил, дигараш бошад – дар соҳили шарқӣ. Ҷойгиршавии аниқ номаълум аст.

**9,11** Ҳар гуна умед ба гӯшанишинии ором зуд барҳам хӯрд. Ба зудӣ мардум ҷамъ омаданд. Худованд Исо ҳамеша дастрас буд. Ӯ омадани мардумро чун монеаи аламовар баҳо намедод. Ӯ ҳеҷ гоҳ бисёр банд набуд, то ки баракат диҳад. Аслан дар ин ҷо аниқ дар бораи он гуфта мешавад, ки *Ӯ онҳоро пазируфта* (бо майли том), *бо онҳо дар бораи Подшоҳии Худо гап зад* ва касонеро, ки ба шифо ёфтан эҳтиёҷ доштанд, *шифо дод.*

**Л. Сер шудани панҷ ҳазор нафар (9,12-17)**

**9,12** Бегоҳирӯзӣ наздик мешуд ва *дувоздаҳ нафар* хаста шуданд. Чӣ қадар одами зиёд ба хӯрок муҳтоҷанд! Вазъияти ҳалнопазир. Бинобар ин онҳо аз Худованд хоҳиш намуданд, ки Ӯ *мардумро рухсати рафтан диҳад.* Ин чӣ андоза ба дилҳои мо монанд аст! Вақте ки кор ба мо дахл дорад, мо, ба монанди Петрус, мегӯем: «Фармон деҳ, ки назди Ту оям ...» Вале дар бораи дигарон чӣ андоза осон аст, гуфтан: «*Онҳоро иҷозати рафтан деҳ*».

**9,13** Исо онҳоро ба деҳоти гирду атроф барои ба даст овардани хӯрок равона накард. Чӣ лозим аст, ки шогирдон барои ба одамон ёрӣ додан ба сафар раванд ва онҳоеро, ки дар назди дари онҳо истодаанд, тарк кунанд? Бигзор шогирдон мардуми ҷамъомадаро сер кунанд. Онҳо эътироз карданд, ки онҳо танҳо *панҷ нон ва ду моҳӣ* доранд, ва фаромӯш карданд, ки ҳамчунин захираҳои беохири Худовандро доранд, ки онро метавонанд истифода баранд.

**9,14-17** Ӯ фақат аз шогирдон хоҳиш намуд, ки *панҷ ҳазор нафар мард* ва ҷамъ занону кӯдаконро ҷойгир кунанд. Баъд, шукргузорӣ намуда, Ӯ нонро *пора кард* ва *ба шогирдон* барои тақсимот дод. Онҳо, дар навбати худ, онро ба одамон тақсим мекарданд. Барои ҳама хӯроки зиёде буд. Амалан, вақте ки хӯрокворӣ ба охир расид, нисбат ба пеш аз хӯрокхӯрӣ зиёдтар боқӣ монд. Пораҳо *дувоздаҳ сабадро* пур карданд, ба ҳар як шогирд яктоӣ. Онҳое, ки мекӯшанд исбот намоянд, ки ин мӯъҷиза нест, дар ҳақиқат саҳифаро бо дарҳам-барҳамӣ пур мекунанд.

Ин ҳодиса барои шогирдон, ки ба онҳо вазифаи инҷилшиносонии ҷаҳон вогузор шудааст, пур аз аҳамият мебошад. *Панҷ ҳазор* одам инсонияти ҳалокшудаистодаро намояндагӣ мекунанд, ки хоҳони нони Худо ҳастанд. Шогирдон масеҳиёни нотавонро намояндагӣ мекунанд, ки захираҳои онҳо маҳдуд менамоянд ва онҳо он чиро ки доранд, бо ҳам дидан намехоҳанд. Фармони Худованд: «Шумо ба онҳо хӯрок диҳед» – ин Супориши Бузурги бо суханони дигар баёншуда мебошад. Дарси ибрат бошад дар ин ҷо чунин аст: Агар мо ба Исо он чиро ки дорем, диҳем, Ӯ метавонад онро афзун кунад, то ки халқи рӯҳан ташнаро сер кунад. Ангуштарии ҷавоҳирдор, пули суғурта, ҳисоб дар бонк, таҷҳизоти варзишӣ! Ҳамаи инро, масалан, ба адабиёти инҷилӣ табдил дода, дар натиҷа ба наҷоти ҷонҳо хизмат кардан мумкин аст, ки онҳо, дар навбати худ,

дар тамоми абадият ихлосманди Барраи Худо мешаванд.

Агар масеҳиён ба Масеҳ худро ва ҳамаи он чиро, ки доранд, пешниҳод мекарданд, ҷаҳонро алҳол дар давраи зиндагии авлоди ҳозира бо муждарасонӣ фаро гирифтан мумкин мебуд. Дарси ибрати абадии сер кардани панҷ ҳазор нафар дар ҳамин аст.

## M. Эътирофи бузурги Петрус (9,18-22)

**9,18** Дарҳол баъд аз сер кардани муъҷизаосои мардуми сершумор дар назди мо эътирофи бузурги имон ба Масеҳ дар Қайсарияи Филиппус аст, ки онро Петрус ба забон овард. Оё муъҷиза бо нон ва моҳӣ чашми шогирдонро кушод, то ки онҳо ҷалоли Худованд Исоро чун Тадҳиншудаи Худо бинанд? Ин ҳодиса дар Қайсарияи Филиппус аз тарафи ҳама чун сарҳади хизмати Наҷотдиҳанда дар таълими дувоздаҳ нафар эътироф карда шудааст. То ба ин лаҳза Ӯ онҳоро пурсаброна ба дарки он мебурд, ки Ӯ чӣ гуна Кас аст ва Ӯ дар онҳо ва ба воситаи онҳо чӣ кор карда метавонад. Дар ин ҷо Ӯ ба ин мақсад расид ва бинобар ин бо қатъият ба сӯи салиб равона шуд. Масеҳ *дар ҷои хилвате* дуо мегуфт. Дар ҳеҷ ҷой навишта нашудааст, ки Худованд Исо ягон вақт бо шогирдон дуо мегуфт. Ӯ дар бораи онҳо дуо мегуфт, Ӯ дар ҳузури онҳо дуо мегуфт ва Ӯ онҳоро ба дуо гуфтан меомӯхт, вале зиндагонии шахсии дуоии Ӯ аз онҳо ҷудо ба амал меомад. Баъд аз як шабзиндадории дуоии худ Ӯ аз шогирдон пурсид, ки *мардум* Ӯро *кӣ* мегӯянд.

**9,19-20** Онҳо ба Ӯ ақидаҳои гуногунро гуфтанд: баъзеҳо Ӯро *Яҳёи Таъмиддиҳанда* меҳисобиданд; дигарон *Илёс;* дигарон бошанд Ӯро *яке аз пайғамбарони қадими* аз мурдагон бархоста мегуфтанд. Вале вақте ки Ӯ ба шогирдон савол дод, *Петрус* дилпурона Ӯро чун *Масеҳи Худо* эътироф кард.

Шарҳи Ҷеймс Стюарт дар бораи ин ҳодиса дар Қайсарияи Филиппус он қадар олӣ мебошад, ки мо онро пурра меоварем:

*Ӯ аз саволи бешахс сар кард: «Мардум Маро кӣ мегӯянд?» Ба ин савол ҷавоб додани ҳар кас душвор набуд, зеро ки аз ҳар тараф мардум дар бораи Исо чизе мегуфтанд. Даҳҳо мулоҳизаҳо буданд. Овозаҳо ва ақидаҳои гуногун паҳн мешуданд. Дар забони ҳар як кас номи Исо буд. Ва мардум дар бораи Исо на танҳо ягон чиз нақл мекарданд, онҳо дар бораи Ӯ чизҳои бузург мегуфтанд. Баъзеҳо гумон мекарданд, ки Ӯ Яҳёи Таъмиддиҳанда буд, ки аз мурдагон эҳё шуд. Дигарон мегуфтанд, ки Ӯ ба онҳо Илёсро ба хотир меоварад. Баъзеҳо дар бораи Ирмиё ё дигар пайғамбар мегуфтанд. Ба ибораи дигар, ҳарчанд ақидаҳои мавҷуда дар бораи Шахсияти Ӯ якдилона набуданд, мардум ба ҳар ҳол бо он розӣ мешуданд, ки Ӯ Шахси бузургест. Ҷои Ӯ дар байни қаҳрамонҳои халқии онҳо буд.*

*Дар ин ҷо зикр намудан меарзад, ки таърих такрор меёбад. Номи Исо аз нав дар забони ҳама мебошад. Дар бораи Ӯ имрӯз хеле дур аз марзи Калисои масеҳӣ баҳсу мунозира мекунанд. Ва ақидаҳо дар бораи Ӯ бағоят гуногунанд. Папинӣ, ба Исо нигоҳ карда, дар Ӯ Шоирро мебинад. Брус Бартон Одами Амалро мебинад. Мидлтон Меррӣ Зоҳидро мебинад. Одамони аз эътиқодмандӣ дур тайёранд Исоро чун намунаи муқаддасон ва пешвои ҳамаи мураббиёни ахлоқии тамоми замонҳо таъриф кунанд. «Ҳатто ҳозир, – гуфтааст Ҷон Стюарт Милл, – ҳатто беимон ҳам бо душворӣ варианти аз ин беҳтари аз мавҳум ба ростӣ гузаронидани қоидаҳои некӯкориро меёфт, нисбат ба кӯшиши чунон зистан, ки ҳаётамон ба Масеҳ мақбул бошад» Ба монанди одамони рӯзҳои Ӯ, ки Ӯро Яҳё, Илёс, Ирмиё меномиданд, одамони ҳозира ҳамчунин ба он розианд, ки дар байни қаҳрамонон ва муқаддасони тамоми замонҳо Исо мавқеи болотаринро ишғол менамояд.*

*Вале Исо бо ин эътироф қаноат намекард. Мардум Ӯро Яҳё, Илёс, Ирмиё меномиданд. Вале ин онро ифода мекард, ки Ӯ дар ин номгӯй яке аз бисёриҳо буд. Ин онро ифода мекард, ки тимсолҳо, қиёсҳо буданд ва ҳатто агар Ӯ дар қатори якум меистод, пас танҳо якум дар миёни баробарон мебуд. Вале комилан равшан аст, ки ин на он чиз аст, ки Масеҳи Аҳди Нав даъво мекард. Мардум ба арзи Масеҳ метавонанд розӣ шаванд ва ё не; вале дар он чи ба худи факти изҳорот дахл дорад, заррае ҳам шубҳа нест. Масеҳ гуфт, ки Ӯ чунин чизе ва чунин Касе буд, ки пеш монанди Ӯ чизе ё касе набуд: бе қиёс, бе рақибон, такрорнашаванда (мас, Мат. 10,37; 11,27; 24,34; Юҳ. 10,30; 14,6).*[23]

**9,21-22** Дарҳол баъд аз эътирофи таърихии Петрус Худованд *ба онҳо сахт таъкид кард,* дар ин бора ба ҳеҷ кас *нагӯянд;* ҳеҷ чиз

бояд роҳи Ӯро ба салиб қатъ накунад. Баъд Наҷотдиҳанда ояндаи наздики Худро ба онҳо ошкор кард. *Ӯ бояд бисёр азоб кашад* ва *аз тарафи пирон,* пешвоёни динии Исроил *рад карда* ва *кушта шавад* ва *дар рӯзи сеюм бархезад.* Ин изҳороти ҳайратангез буд. Биёед фаромӯш накунем, ки ин суханонро ягона Одами бегуноҳ ва росткори ягон вақт дар замин зиста гуфта буд. Онҳоро Масеҳи ҳақиқии Исроил гуфта буд. Ин суханони Худои дар ҷисм зоҳиршуда буданд. Онҳо ба мо мегӯянд, ки зиндагии пурра, зиндагии мукаммал, зиндагии итоат ба хости Худо азоб, инкор ва марг дар ин ё он шакл, ва растохезро ба зиндагии бефано дар бар мегирад. Ин зиндагии барои дигарон додашуда мебошад.

Ин, албатта, *мухолифати* пурра ба тасаввуроти машҳур дар бораи нақши Масеҳ буд. Одамон пешвоеро интизор буданд, ки силоҳашро такон дода, душманонро маҳв мекунад. Ин суханон, шояд, шогирдонро хиҷил мекарданд. Вале агар, мувофиқи эътиқоди онҳо, Исо дар ҳақиқат Масеҳи Худо буд, пас онҳо барои рӯҳафтодагӣ ва ғусса сабабе надоштанд. Агар Ӯ Тадҳиншудаи Худо бошад, пас кори Ӯ ҳеҷ гоҳ ба бемуваффақиятӣ дучор намешавад. Новобаста ба он ки бо Ӯ ё бо онҳо чӣ рӯй дода метавонад, ғалаба аз онҳост. Ғалаба ва наҷот ногузиранд.

### Н. Даъват ба бардоштани салиб (9,23-27)

**9,23** Ояндаи Худро ба онҳо нишон дода, Худованд шогирдонро даъват намуд, то аз пайи Ӯ раванд. Ин худро рад карда *салиби* худро бардоштанро ифода мекард. Худро рад кардан – яъне ихтиёран аз ҳуқуқи номниҳоди нақша кашидан ё интихоб кардан даст кашидан, ва ҳокимияти Ӯро дар ҳар як соҳаи зиндагии худ интихоб намудан ва эътироф намудан мебошад. *Салиби* Худро *бардоштан* – яъне бошуурона ҳамон хел зиндагиеро, ки Ӯ мезист, интихоб намудан мебошад. Ин дар бар мегирад:

- мухолифат аз тарафи наздикони дӯстдошта;
- маломати ин ҷаҳон;
- аз оила, хона, заминҳо, аз шароити қулайи ин зиндагонӣ даст кашидан;
- вобастагии пурра ба Худо;
- итоат ба роҳнамоии Рӯҳулқудс;
- эълони хабари номаъқул;
- роҳи танҳоӣ;
- ҳамлаҳои муташаккилона аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои динӣ;
- азобҳо ба хотири адолат;
- тӯҳмат ва бадномӣ;
- зиндагиро баҳри дигарон фидо кардан;
- марг барои худ ва барои ҷаҳон.

Вале ин *ҳамчунин* дар худ ба даст овардани зиндагии ҳақиқиро дар бар мегирад! Ин ёфтани мақсади ниҳоии мавҷудияти худро ифода мекунад. Ва ин ҳамчунин мукофоти абадиро ифода мекунад. Мо беихтиёрона аз зиндагӣ дар зери вазнинии салиб худро дур мекашем. Мо намехоҳем бовар кунем, ки ин хости Худо барои мо мебошад. Вале суханони Масеҳ *«агар касе аз пайи Ман омадан хоҳад»* онро ифода мекунанд, ки ҳеҷ кас узре надорад ё истисно нест.

**9,24** Тамоюли табиӣ – мавҷудияти худпарастона, худписандона, камаҳамият ва ба корҳои ҳаррӯза одаткардаро интихоб намуда, зиндагии худро нигоҳ доштан мебошад. Мо ба хурсандӣ ва хоҳишҳои худ, ба ҳузуру ҳаловат, ҳашамат ва лавозимоти қулай дода шуда, бо рӯзи ҳозира зиста, ба ин ҷаҳон истеъдодҳои беҳтаринро бар ивази якчанд соли хушии назарфиреб тағофул карда метавонем. Вале бо худи ҳамин мо зиндагии худро гум мекунем, яъне маънои ҳақиқии зиндагӣ ва қаноатмандии амиқи рӯҳониро, ки онро бояд ҳамроҳӣ кунад, гум мекунем! Аз тарафи дигар, мо зиндагии худро баҳри Наҷотдиҳанда гум карда метавонем. Агар мо аз хоҳишҳои худпарастонаи шахсии худ даст кашем ва пеш аз ҳама ба Подшоҳии Худо ва адолати Ӯ шитобем ва худро ба Ӯ бебақия диҳем, одамон моро беақл меҳисобанд. Вале чунин зиндагии худсупорӣ зиндагии ҳақиқӣ мебошад. Дар он хурсандӣ, осудахотирии пок, қаноатмандии дохилии амиқи аз ҳар гуна тасвир бартар ҳаст.

**9,25** Бо дувоздаҳ нафар сӯҳбат намуда, Наҷотдиҳанда мефаҳмид, ки орзуи сарватҳои моддӣ ба супурдашавии пурра сахт мамониат карда метавонад. Бинобар ин Ӯ чизе ба ин монанд гуфт: «Тасаввур намоед, ки шумо тилло ва нуқраи *тамоми дунёро* ҷамъ оварда метавонед, тамоми мулки ғайриманқулро чун моликият ба даст оварда метавонед, бойигарӣ ва тамоми коғазҳои қиматнок – ҳама чизи дорои

арзиши моддӣ; ва баъд ба худ тасаввур намоед, ки дар кӯшиши саросемавори ба даст овардани ҳамаи он шумо мақсади ҳақиқии зиндагиро бой додед. Ба шумо аз ин чӣ гуна фоида ҳаст? Шумо пасандозро танҳо муддати кӯтоҳе соҳиб хоҳед буд ва баъд ҷовидона тарк мекунед. Ин ҳаёти кӯтоҳро барои якчанд бозичаҳои гардолуд фурӯхтан беақлӣ мебуд».

**9,26** Монеаи дигари пурра ба Масеҳ бахшида шудан – тарси бадномӣ аст. Аз Офаридгори худ шарм доштани офарида, аз Наҷотдиҳандаи худ *шарм доштани* гуноҳкор ғояти беақлист. Лекин, кадоме аз мо дар ин хусус бегуноҳ аст? Худованд имконияти шармро эътироф менамуд ва ҷиддан бар зидди ин огоҳӣ медод. Агар мо, зиндагии ба ном масеҳиро ба сар бурда, ба аксарият мувофиқгашта шуда, аз бадномӣ гурезем, пас *Писари Одам, ҳангоме ки дар ҷалоли Худ ва дар ҷалоли Падари* Худ *ва фариштагони муқаддас меояд, аз* мо *шарм мекунад.* Ӯ шукӯҳи секаратаи омадани дуюми Худро зикр менамояд, гӯё мегӯяд, ки ҳар гуна бадномӣ ва маломате ки онро мо ҳозир аз барои Ӯ мекашем, дар оянда, вақте ки Ӯ дар ҷалол меояд, ба мо се маротиба кам хоҳад намуд, дар муқоиса ба шарми онҳое, ки алҳол Ӯро рад мекунанд.

**9,27** Ин ёдоварӣ дар бораи ҷалоли Ӯ бо он чи баъд меояд, алоқаманд аст. Вай пешгӯӣ менамояд, ки *баъзе аз* шогирдоне ки дар он ҷо *истодаанд, Подшоҳии Худоро* пеш аз марги худ *мебинанд.* Суханони Ӯ иҷроиши худро дар оятҳои 28-36 меёбанд – ҳодисаҳо дар кӯҳи Дигаргуншавӣ. Ин шогирдон Петрус, Яъқуб ва Юҳанно буданд. Дар кӯҳ онҳо пешакӣ диданд, ки ҳангоме Худованд Исо Подшоҳии Худро дар замин барқарор мекунад, чӣ мешавад. Маҳз дар ҳамин бора Петрус дар Номаи дуюми худ мегӯяд:

*Зеро, ҳангоме ки қуввати Худованди мо Исои Масеҳ ва омадани Ӯро ба шумо хабар додем, аз пайи афсонаҳои зиракона сохташуда нарафтаем, балки бузургии Ӯро бо чашмони худ дидаем, зеро Ӯ аз Худои Падар иззат ва ҷалол ёфт, вақте ки аз ҷониби ҷалоли бузург сӯи Ӯ чунин овоз расид: «Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам». Ва ин овозро, ки аз осмон омада расид, мо шунидем, ҳангоме ки бо Ӯ дар кӯҳи муқаддас будем (1,16-18).*

Ба пайдарпайии таълимоти Худованд дар ин порча диққат диҳед. Ӯ ҳозиракак дар бораи наздикшавии радшавӣ, азоб ва марги Худ эълон намуд. Ӯ шогирдони Худро даъват намуд, ки худро инкор карда ва ба азоб ва қурбониҳо нигоҳ накарда аз пайи Ӯ раванд. Амалан Ӯ мегӯяд: «Дар хотир доред: агар шумо бо Ман азоб кашед, пас бо ман ҳукмронӣ ҳам хоҳед кард. Дар ақиби салиб ҷалол аст. Мукофот назар ба хароҷот беандоза афзунтар аст».

### О. Дигаргуншавии Писари Одам (9,28-36)

**9,28-29** *Баъд аз ҳашт рӯз* Исо *Петрус, Юҳанно ва Яъқубро бо Худ гирифта ба кӯҳе барои дуо гуфтан баромад.* Ҷои ин *кӯҳ* маълум нест, агарчи, эҳтимол, интихоб ба кӯҳи баланди барфпӯши Ҳермӯн меафтад. Ҳангоме ки Худованд дуо мегуфт, *чеҳраи Ӯ дигаргун шуд.* Ҳақиқати ҷолиби диққат: ба ғайр аз ҳамаи чизҳои дигар, дуо ифодаи рӯи одамро дигаргун месозад. *Чеҳраи Ӯ* бо дурахши тобон мунаввар гашт, *либоси Ӯ* бошад сафеди дурахшон гардид. Чунон ки дар боло ишорат шуда буд, ин тимсоли ҷалолест, ки Ӯ дар Подшоҳииояндаи Худ хоҳад дошт. Вақте ки Ӯ дар ин ҷо, дар замин буд, ҷалоли Ӯ одатан бо бадан, ҷисми Ӯ ниҳон буд. Ӯ дар ин ҷо, дар залилӣ, чун ғулом буд. Вале дар Подшоҳии Ҳазорсола ҷалоли Ӯ пурра зоҳир хоҳад шуд. Ҳама Масеҳро дар тамоми дурахш ва ҷалолати Ӯ хоҳанд дид.

Профессор В. Ҳ. Роҷерс дар ин бора хуб мегӯяд:

*Дар дигаргуншавӣ ба мо дар шакли хурду нозук ҳамаи хусусиятҳои ба Подшоҳии оянда хос нишон дода шудаанд. Мо Худовандро дар либоси ҷалол мебинем, на дар либоси залилӣ. Дар назди мо дар ҳолати пурҷалол Мусо – намояндаи аз олами боло зодашудагон, ки онҳо ба Подшоҳӣ ба воситаи марг гузаштанд, мебошад. Мо Илёсро мушоҳида мекунем, ки дорои ҷалол аст, – намояндаи раҳокардашудагон, ки онҳо ба Подшоҳӣ ба воситаи болошавӣ ворид шудаанд. Се шогирд ҳаст – Петрус, Яъқуб ва Юҳанно, ки ҷалол наёфтаанд – намояндагони Исроил дар ҷисм дар Подшоҳии Ҳазорсола. Баъдан, дар доманаи кӯҳ мардуми бисёре ҳастанд, ки халқҳоеро намояндагӣ мекунанд, ки онҳо ба Подшоҳӣ баъд аз эълони тантананоки он оварда мешаванд.*[24]

**9,30-31** Ду мард – *Мусо ва Илёс* – бо Исо *дар бораи оқибати* (юн. «хуруҷ») *Ӯ, ки бояд дар Уршалим ба амал ояд, сухан меронданд.* Диққат диҳед: Дар бораи марги Ӯ дар ин ҷо чун дар бораи ҳодисаи иҷрошуда гуфта мешавад. Ҳамчунин диққат диҳед, ки марг танҳо «хуруҷ» аст, на қатъшавии мавҷудият, балки гузариш аз як ҷо ба ҷои дигар.

**9,32-33** Вақте ки ҳамаи ин рӯй медод, шогирдон дар зери вазнинии хоб буданд. Усқуф Райл мегӯяд:

*Ба он таваҷҷуҳ намуданро иҷозат диҳед, ки худи ҳамон шогирдоне ки дар лаҳзаи зоҳиршавии ҷалол хобида буданд, дар вақти азоби шадид дар боғи Ҷатсамонӣ хоб буданд. Ҷисм ва хун пеш аз он ки ба осмон ворид шаванд, ҳатман ба тағйиротҳо муҳтоҷанд. Бадани бечораву заифи мо дар соати санҷиши Масеҳ ҳамроҳи Ӯ шабзиндадорӣ карда наметавонад ва ҳамчунин бо Ӯ дар ҷалоли Ӯ бедор буда наметавонад. Сохти ҷисмонии мо, пеш аз он ки аз ҷалоли осмонӣ ҳаловат бурда тавонад, бояд тағйироти бузургро аз сар гузаронад.*[25]

Комилан *бедор шуда,* онҳо дурахши ҷалоли Масеҳро *диданд.* Покии ин ҳодисаро нигоҳ доштан хоста, *Петрус се* чайла, ё *соябон* сохтанро пешниҳод намуд: *яке барои* Исо, *яке барои Мусо ва яке барои Илёс.* Вале ғояи ӯ ба ҷидду ҷаҳди бе дониш асоснок шуда буд.

**9,34-36** *Аз абре* ки онҳоро аз ҳама тараф фаро гирифта буд, *овози* Худо садо дода, мегуфт, ки Исо – *Писари Маҳбуби* Худо мебошад ва фармуд, то *Ӯро бишнаванд.* Ҳангоме ки ин *овоз* хомӯш шуд, Мусо ва Илёс нест шуданд; Исо *танҳо* монд. Дар ҷалол ҳам чунин хоҳад шуд: Ӯ дар ҳама чиз якум хоҳад буд. Ӯ бо ҳеҷ кас ҷалоли Худро бо ҳам намебинад.

Шогирдон аз кӯҳ дар ҳолати чунон тарси боэҳтиром рафтанд, ки бо ҳеҷ кас ин ҳодисаро муҳокима накарданд.

### П. Шифоёбии навраси девзада (9,37-43)

**9,37-39** Аз кӯҳи ҷалол Исо ва шогирдон дар *рӯзи дигар* ба водии муҳтоҷии одамӣ баргаштанд. Дар зиндагӣ лаҳзаҳои ваҷди рӯҳонӣ ҳаст, вале Худо онҳоро бо доираи кору бори ҳаррӯза мувозӣ мекунад. Аз байни *мардуме* ки *Ӯро пешвоз гирифтанд,* падари ғамзада баромад ва аз Исо илтимос кард, ки ба *писари* девзадаи ӯ ёрӣ диҳад. Ин *фарзанди ягонаи* ӯ буд ва, яъне, хурсандии дили ӯ буд. Падар писари бо рагкашии азозилӣ фарогирифтаи худро дида, ба тарзи ногуфтанӣ азоб мекашид. Ин хуруҷҳои беморӣ якбора, бе пешакӣ огоҳонидан сар мешаванд. Ҷавон наъра мезанад ва баъд аз даҳонаш *кафк* мебарорад. Дев танҳо баъд аз муборизаи даҳшатнок писарчаро дар ҳолати хеле азияткашида гузошта, аз вай берун рафт.

**9,40** Писари андӯҳгин пештар *ба шогирдон* муроҷиат карда буд, вале онҳо оҷиз буданд. Чаро шогирдон аз уҳдаи ёрӣ додан ба ҷавон набаромаданд? Эҳтимол, онҳо дар хизмати худ «мутахассис» гардида, аз рӯи одат амал мекарданд. Эҳтимол онҳо фикр мекарданд, ки метавонанд бе машқи доимии рӯҳонӣ ба хизмати пур аз Рӯҳ умед банданд. Эҳтимол, онҳо ҳамаро чун худ аз худ маълум дарк мекарданд.

**9,41** Намуди ин ҳодиса Худованд *Исоро* ғамгин кард. Ҳеҷ касро аниқ ном нагирифта, Ӯ гуфт: *«Эй насли беимону каҷрафтор!»* Ин муроҷиат ба шогирдон, халқ, падар ё ба ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ буда метавонист. Ҳамаи онҳо дар пеши эҳтиёҷоти одамӣ оҷиз буданд, агарчи сарчашмаи беохири қувваи Ӯро ба кор бурда метавонистанд. *То ба кай Ӯ* бо онҳо *бошад* ва онҳоро *тоқат кунад?* Баъд Ӯ ба падар гуфт: *«Писаратро ин ҷо биёр».*

**9,42-43а** *Вақте ки* ҷавон ба назди Исо *меомад, дев* ӯро ба замин ғалтонида заданро сар кард. Вале Исоро зоҳиршавии қуввваи рӯҳи бад натарсонд; аз қуввваи дев дида бештар нобоварии одамон ба Ӯ мамонният мекард. Исо *рӯҳи нопокро* манъ кард, *писарро шифо дод ва ба падари вай супурд.* Ва ҳамаи одамон *дар ҳайрат монданд.* Онҳо эътироф намуданд, ки Худо мӯъҷиза ба амал овард. Онҳо дар ин мӯъҷиза зоҳиршавии *бузургии Худоро* диданд.

### Р. Писари Одам марг ва растохези Худро пешгӯӣ мекунад (9,43-45)

**9,43б-44** *Шогирдон,* эҳтимол, ба андешае розӣ буданд, ки Устоди онҳо мӯъҷиза офариданро то он вақт давом хоҳад дод, ки тамоми халқ Ӯро чун Подшоҳ эътироф намояд. Барои хиради онҳоро аз ин гуна гумроҳӣ наҷот додан Худованд аз нав ба онҳо хотиррасон кард, ки

*Писари Одам* бояд *ба дасти одамон таслим карда шавад,* яъне кушта мешавад.

**9,45** Чаро онҳо *ин* пешгӯиро *нафаҳмиданд?* Фақат барои он ки онҳо худро бо он андеша тасалло медоданд, ки Масеҳ қаҳрамони халқ аст. Мувофиқи тасаввуроти онҳо, марги Ӯ заволи корро ифода менамуд. Умедҳои шахсии онҳо он қадар пурзӯр буданд, ки онҳо ба ҷой додани ким-кадом нуқтаи назари мухолиф қобил набуданд. Ин ҳақиқатро аз онҳо на Худо, балки қарори қатъии бовар накарданашон пинҳон медошт. Онҳо *тарсиданд* дар бораи ин сухан *аз Ӯ пурсанд* – амалан онҳо аз шунидани тасдиқи хавфи худ метарсиданд!

### C. Бузургии ҳақиқӣ дар Подшоҳӣ (9,46-48)

**9,46** Шогирдон на танҳо умед доштанд, ки Подшоҳии пурҷалол ба қарибӣ барқарор карда мешавад, балки онҳо ҳамчунин дар Подшоҳӣ ба ҷойҳои бонуфуз умедвор буданд. Онҳо аллакай байни худ дар бораи он ки *кадоме аз онҳо бузургтар аст,* баҳс мекарданд.

**9,47-48** Дар бораи масъалаи мушаввашкунандаи онҳо дониста, *Исо кӯдакро* гирифта дар пеши Худ гузошта шарҳ дод, ки ҳар касе ки *чунин кӯдакро ба исми* Ӯ қабул намояд, он кас Ӯро қабул мекунад. Дар назари аввал, ин ҳеҷ бо масъалае алоқаманд нест, ки дар байни шогирдон кӣ бузургтар аст. Аммо, ноаён бошад ҳам, алоқае мушоҳида мешавад: бузургии ҳақиқӣ дар ғамхории пурмеҳр оид ба хурдсолон, дар бораи нотавонон, дар бораи касоне ки ҷаҳон аз онҳо канораҷӯӣ мекунад, мебошад. Бинобар ин, *«ҳар кӣ дар байни шумо аз ҳама хурдтар аст, вай бузург хоҳад буд»* – гуфта, Исо ба он касе ишорат мекард, ки худро фурӯтан сохта, яке аз имондороне гардид, ки бо намуди зоҳирӣ фарқ намекунанд, машҳур нестанд ва таҳқир карда мешаванд.

Дар Матто 18,4 Худованд гуфт, ки дар Подшоҳии Осмонӣ он кас бузургтарин мешавад, ки худро ба монанди кӯдаки хурдсол фурӯтан месозад. Дар ин ҷо, дар Луқо, дар бораи он гуфта мешавад, ки бузургтарин яке аз хурдтаринҳо дар байни фарзандони Худо бошад. Ҳам дар он ва ҳам дар дигар ҳолат сухан дар бораи худро фурӯтан сохтан меравад, – ба монанди Худи Наҷотдиҳанда.

### T. Писари Одам мазҳабпарастиро манъ мекунад (9,49-50)

**9,49** Ин ҳодиса намунаи рафторест, ки Худованд ба шогирдон аз он худдорӣ карданро фармуд. Онҳо *ба одаме* вохӯрданд, ки *бо номи* Исо *девҳоро берун мекард.* Аз барои надоштани сабаби беҳтаре, онҳо ба ӯ дар асоси он ки ӯ пайрави онҳо *нест, манъ карданд.* Дигар хел карда гӯем, онҳо ба номи Ӯ қабул намудани фарзанди Худоро рад карданд. Онҳо мазҳабпарастӣ ва маҳдудият зоҳир карданд. Онҳо мебоист аз он шод мешуданд, ки дев аз одам берун карда шуд. Онҳо ба одам ё гурӯҳи одамоне ки нисбат ба онҳо девҳои зиёдтареро берун карда метавонанд, ҳеҷ гоҳ набояд ҳасад баранд. Ҳар як шогирд бояд худро аз чунин хоҳиши имтиёз доштан эҳтиёт намояд: дар соҳаи қувваи рӯҳонӣ ва нуфуз яккатози майдон будан.

**9,50** *Исо ба вай гуфт: «Манъ накунед; зеро ҳар кӣ зидди шумо нест, вай тарафдори шумост».* Агар гап дар бораи Шахсият ва кори Масеҳ равад, пас дар ин ҷо мавқеи бетарафона буда наметавонад. Агар мардум *тарафдори* Масеҳ набошанд, пас онҳо *зидди* Ӯ ҳастанд. Вале ҳангоме ки сухан дар бораи хизмати масеҳӣ меравад, пас, аз рӯи суханони А. Л. Вилямс:

*Масеҳиёни самимӣ бояд дар хотир доранд, ки ҳангоме дигарон ягон чизро ба номи Масеҳ мекунанд, ин умуман бояд кори Ӯро пеш барад ... Ҷавоби Устод ҳақиқати кушод ва дурбарандаро дар бар мегирифт. Ҳеҷ як ҷамъияти заминӣ, ҳар қадар пок бошад ҳам, ба қувваи илоҳӣ, ки бо истифодаи ҳақиқӣ ва дурусти исми Ӯ зич алоқаманд аст, (танҳо барои худ) даъво карда наметавонад.*[26]

## VII. МУХОЛИФАТИ АФЗОЯНДА НИСБАТ БА ПИСАРИ ОДАМ (9,51–11,54)

### A. Сомария Писари Одамро рад мекунад (9,51-56)

**9,51** Аллакай *айёми* ба осмон боло шудани Исо наздик мешуд. Ӯ дар ин бора хуб медонист. Ӯ ҳамчунин медонист, ки дар роҳ ба он ҷо салиб меистод, бинобар ин бо қатъият ба *Уршалим* равона шуд, ба сӯи ҳамаи он чи Ӯро дар ин ҷо интизор буд.

**9,52-53** Мардуми деҳаи сомариён, ки дар роҳи Ӯ буд, Писари Худоро *пазироӣ*

*накарданд.* Ба мардум маълум буд, ки Ӯ ба *Урушалим* равона аст ва ин барои мамонияткардан ба Ӯ ба андозае ки ин мумкин буд, чун сабаби кофӣ хизмат намуд, чунки байни сомариён ва яҳудиён душмании сахт мавҷуд буд. Рӯҳияи мазҳабпарастӣ, оштинопазирӣ, ихтилофкорӣ ва фахри миллӣ онҳоро ба қабули Худованди ҷалол моил намекард.

**9,54-56** *Яъқуб ва Юҳанно* аз сабаби чунин меҳмонбезорӣ ба андозае ба ғазаб омаданд, ки *оташе аз осмон* даъват намуданро пешниҳод намуданд, то ки дилозоронро маҳв созанд. Исо дарҳол *онҳоро манъ кард. Ӯ на барои нобуд кардани ҷонҳои одамон, балки барои наҷот додани онҳо омадааст.* Ин соли мусоиди Худованд буд, на рӯзи интиқомгирии Худои мо. Шогирдон бояд на бо қасосгирӣ, балки бо файз фарқ кунанд.

### Б. Монеаҳо барои шогирдӣ (9,57-62)

**9,57** Дар ин оятҳо мо бо се шахс вомехӯрем, ки шогирд шудан мехостанд. Онҳо се монеаи асосиро дар роҳи ҷоннисорона пайравӣ кардан ба Худованд ифода мекунанд. Одами аввал комилан боварӣ дошт, ки дар ҳама ҷо Исоро *пайравӣ хоҳад кард.* Ӯ умед надошт, ки ӯро даъват мекунанд, вале пурҷӯшу хурӯш худро пешниҳод намуд. Ӯ ба худ боварӣ дошт, хоҳиши беандоза дошт ва дар бораи арзиш андеша намекард. Ӯ маънои ҳақиқии чизи гуфтаашро намедонист.

**9,58** Дар ибтидо ҷавоби Исо бо пешниҳоди одам алоқаманд наменамояд. Вале дар асл он ҷо алоқаи зич ҳаст. *Исо* асосан гуфт: «Оё ту медонӣ, ки дар ҳақиқат Маро пайравӣ кардан чиро ифода мекунад? Ин онро ифода мекунад, ки роҳат ва ҳаловати зиндагиро тарк кардан лозим аст. Ман хонае надорам, ки онро аз они Худ номам. Ин замин ба Ман оромӣ намедиҳад. *Рӯбоҳон* ва *мурғон,* нисбат ба Ман ба маънои васеъ ҳаловат ва бехатарии бештари табииро дороянд. Оё ту ба ман пайравӣ кардан мехоҳӣ, ҳатто агар ин маънои рад кардани он чиро дошта бошад, ки аксари мардум чун ҳуқуқи дахлнопазири худ меҳисобанд?» Вақте мо мехонем, ки *Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад,* мо ба Ӯ ғамхорӣ нишон дода метавонем. Як тафсиркунанда зикр менамояд: «Ӯ ба ғамхории шумо эҳтиёҷ надорад. Ба худ ғамхорӣ намоед, агар шумо хонае дошта бошед, ки шуморо нигоҳ медорад, ҳангоме Масеҳ мехоҳад, то шумо ба паҳноҳои калони ин ҷаҳон равед». Мо дигар оид ба ин одам намешунавем ва танҳо тахмин карда метавонем, ки ӯ нахост баҳри пайравӣ ба Писари Худо аз роҳатҳои муқаррарии зиндагӣ рӯ гардонад.

**9,59** Одами дуюм даъвати Масеҳро оид ба аз пайи Ӯ рафтан шунид. Ӯ гӯё ин корро кардан мехост, вале чизе буд, ки ӯ пеш аз он кардан мехост. Ӯ мехост *рафта, аввал падари худро ба хок супорад.* Ба суханони вай таваҷҷуҳ намоед: *«Хоҷаам! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, аввал ...»* Ба ибораи дигар: *«Хоҷаам, ... ман ... аввал ...»* Ӯ ба Исо чун ба *Хоҷа* муроҷиат намуд, вале дар амал хоҳишҳо ва мақсадҳои шахсии худро ба пеш меоварад. Суханони «Хоҷаам» ва «ман ... аввал» комилан ба якдигар мухолифанд; мо бояд яке ё дигареро интихоб намоем. Оё *падар* аллакай мурда буд, ё писар дар хона интизори марги ӯ будан мехост, ин ҳеҷ чизро тағйир намедод – ӯ раво медонист, то чизи дигаре аз даъвати Масеҳ муҳимтар бошад. Ба падари мурда ё мурдаистода эҳтиром нишон додан комилан равост, вале агар ягон кас ё ягон чиз ба Масеҳ муқобил гузошта шавад, пас ин аниқ гуноҳ мешавад. Ин одам боз ким чӣ хел машғулият дошт – гуфтан мумкин аст, кор ё вазифа – ва ин ӯро аз роҳи фидокоронаи шогирдӣ дур мебурд.

**9,60** Худованд ӯро барои дудилагӣ маломат карда гуфт: *«Бигзор мурдагон мурдагони худро ба хок супоранд; аммо ту рафта, аз Подшоҳии Худо башорат деҳ».* Касоне ки *рӯҳан* мурдаанд, онҳоеро, ки *ҷисман* мурдаанд, дафн карда метавонанд, вале онҳо Инҷилро мавъиза карда наметавонанд. Шогирдон набояд амалҳоеро афзал донанд, ки одамони наҷотнаёфта ба монанди масеҳиён хуб ба ҷо оварда метавонанд. Имондор бояд аниқ донад, ки вай дар он чи ба мақсади асосии ҳаёти ӯ дахл дорад, ивазнопазир аст. Мақсади асосии вай пешбарии кори Масеҳ дар рӯи замин аст.

**9,61** Шогирди сеюми эҳтимолӣ ба аввалӣ дар он бобат монанд буд, ки худ аз пайи Масеҳ рафтан хост. Ӯ ба дуюмӣ дар он бобат монанд буд, ки суханони ихтилофнок гуфт: *«Хоҷаам! ... лекин аввал ба ман».* *Ӯ хост* пеш аз он бо оилаи худ хайрухуш намояд. Худ аз худ ин хоҳиш бохирадона ва имконпазир буд, вале ҳатто илтифотҳои ҳаётии мақбул нодуруст

хоҳанд буд, агар онҳо аз фармонбардории таъхирнопазир ва пурра болотар гузошта шаванд.

**9,62** *Исо* ба ӯ гуфт, ки шахсе ки *дасташро болои омочи* шогирдӣ *монда бошад,* набояд *ба ақиб нигоҳ кунад;*[27] вагарна ӯ *ба Подшоҳии Худо сазовор нест.* Одамоне ки пур аз ҳиссиёти мухолиф ва хаёлпарастии риққатоваранд, пайрави Масеҳ буда наметавонанд. Ҳеҷ гуна андешаи оила ва дӯстон, ки худ аз худ раво аст, набояд онҳоро аз комилан ва пурра ба ихтиёри Худованд супоридани худ ба тарафи дигар гардонад. Ифодаи *«ба Подшоҳии Худо сазовор нест»,* на ба наҷот, балки ба хизмат дахл дорад. Масъала ин ҷо на дар *воридшавӣ* ба Подшоҳӣ, балки дар *хизмат* дар Подшоҳӣ баъд аз воридшавӣ мебошад. Сазовори воридшавӣ ба Подшоҳӣ будани мо дар Шахсият ва меҳнати Худованд Исо мебошад. Он ба воситаи имон ба Ӯ аз они мо мегардад.

Инак, дар назди мо се монеаи асосӣ дар роҳ ба шогирдӣ ҳаст, ки дар мисоли ин одамон нишон дода шудаанд:

1. Роҳати моддӣ.
2. Кор ё машғулият.
3. Оила ва дӯстон.

Масеҳ бояд дар дилҳо комилан ҳукмрон бошад. Ҳамаи намудҳои дигари муҳаббат ва ҳамаи дигар дилбастагиҳо бояд дуюмдараҷа бошанд.

### В. Фиристодани ҳафтод шогирд (10,1-16)

**10,1-12** Дар Инҷилҳо ин ягона маълумот дар бораи он мебошад, ки Худованд *ҳафтод*[28] шогирдро ба меҳнат фиристод. Ин фиристодани дувоздаҳ нафарро дар Матто 10 ба хотир меоварад. Вале дар он ҷо шогирдон ба вилоятҳои шимолӣ фиристода шуда буданд, дар ҳоле ки ҳафтод нафар ба ҷануб фиристода шуданд, мувофиқи хатти ҳаракате, ки бо он Худованд ба Уршалим мерафт. Бо ин супориш онҳо, эҳтимол, барои Худованд дар сафар аз Қайсарияи Филиппус ба Уршалим роҳ тайёр мекарданд – ба воситаи Ҷалил ва Сомария, ба воситаи Урдун, ба ҷануб ба воситаи Перея, ва баъд ба ақиб ба воситаи Урдун ба Уршалим.

Хизмат ва ваколати ҳафтод нафар танҳо муваққатӣ буданд, вале пандҳои аз тарафи Худованд ба онҳо додашуда принсипҳои зиёди ҳаётиро дар бар мегиранд, ки ба масеҳиёни ҳамаи асрҳо қобили татбиқ мебошанд.

Баъзе аз ин принсипҳоро ба тариқи зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Ӯ онҳоро *ҷуфт-ҷуфт* фиристод (ояти 1). Ин салоҳият доштани шаҳодатро дар назар дорад. «Бо гувоҳии ду ё се шоҳид ҳар сухан исбот хоҳад шуд» (2Қур. 13,1).
2. Хизматгори Худованд бояд доимо барои он *дуо гӯяд,* ки Ӯ *ба дарави Худ коргар фиристонад* (ояти 2). Эҳтиёҷ ҳамеша нисбат ба мавҷудияти коргар бисёр аст. Дар бораи *коргарон* дуо гуфта, мо, бояд худамон ҳам хоҳиши рафтан дошта бошем. Диққат диҳед: *илтимос кунед* (ояти 2) *равед* (ояти 3).
3. Шогирдони Исо ба муҳити душманона фиристода шудаанд (ояти 3). Зоҳиран онҳо ба *барраҳои* бе пушту паноҳ дар *миёни гургон* монанданд. Онҳо аз ҷаҳон ба эҳтироми шоҳона умед баста наметавонанд, аниқтараш онҳоро таъқибот ва ҳатто марг интизоранд.
4. Андешаҳои роҳати шахсиро набояд ба сифати дастур қабул кард (ояти 4). *«Ҳеҷ ҳамёне, тӯрбае ва кафше бо худ набаред». Ҳамён* аз захираҳои молиявӣ дарак медиҳад. *Тӯрба* захираи хӯроквориро дар назар дорад. *Кафш* ё ба ҷуфти захиравӣ, ё ба пойафзоли махсусан қулай дахл дошта метавонад. Ҳар се аз бенавоӣ дарак медиҳанд, ки он ҳеҷ чиз надошта, дорои ҳама чиз аст ва бисёр касонро сарватманд мегардонад (2Қур. 6,10).
5. *«Ва ба ҳеҷ кас дар роҳ салом нагӯед»* (ояти 4). Хизматгорони Масеҳ ба саломҳои маросимии дурудароз, ки дар Шарқ мақбули умум мебошанд, набояд вақт сарф намоянд. Онҳо бояд хушмуомила ва меҳрубон бошанд, вале дар айни ҳол вақти худро ба эълони пурҷалоли Инҷил истифода баранд, на ба гуфтугузори беҳуда. Барои ба таъхир андохтани бефоида вақт нест.
6. Онҳо меҳмоннавозиро дар ҷое ки ба онҳо пешниҳод карда мешавад, бояд қабул намоянд (ояти 5.6). Агар саломи ибтидоии онҳоро соҳиби хона бо хайрхоҳӣ қабул намуда бошад, пас ӯ *писари осоиш* мебошад. Ба ин одам *осоиш* хос аст ва ӯ хабари осоишро қабул менамояд. Агар шогирдонро рад кунанд, онҳо набояд ноумед шаванд; осоиши онҳо ба худашон

*бармегардад,* яъне онҳо ҳеҷ чиз гум накардаанд ва сарф накардаанд; одамони дигар ӯро қабул менамоянд.

7. Шогирдон *дар ҳамон хонае* ки он ҷо ба онҳо сарпаноҳ медиҳанд, бояд *бимонанд* (ояти 7). Гузаштан *аз як хона ба хонаи дигар* онҳоро чун одамоне нишон доданаш мумкин аст, ки аз пайи манзили бошукӯҳ медаванд, дар ҳоле ки онҳо бояд одӣ зиндагӣ кунанд ва бояд барои ҳама чиз миннатдор бошанд.

8. Онҳо бояд хӯрок ва нӯшокиеро, ки ба онҳо пешниҳод менамоянд, бе андешае қабул намоянд (ояти 7). Чун хизматгорони Худованд, онҳо сазовори хӯрду хӯрок мебошанд.

9. Шаҳрҳо ва деҳаҳо, ба монанди одамон ҳамчунин мавқеи тарафдор ё муқобили Худовандро ишғол менамоянд (ояти 8.9). Агар деҳа Каломро қабул намояд, пас шогирдон дар он ҷо бояд мавъиза намоянд, меҳмоннавозиро бояд қабул намоянд ва ба одамон баракати Инҷилро расонанд. Хизматгорони Масеҳ ҳар он чиро, ки *пеши* онҳо *мемонанд,* ба хӯроки пешниҳодшуда эрод нагирифта ва ба соҳибони хона нороҳатӣ ба вуҷуд наоварда, бояд *хӯранд.* Охир хӯрок дар зиндагии онҳо чизи асосӣ нест. Дар шаҳрҳое ки фиристодагони Худовандро қабул менамоянд, аҳолии аз сабаби гуноҳ бемори он шифо меёбад. Ба онҳо низ Подшоҳии Худо *наздик шудааст* (ояти 9).

10. Шаҳр метавонад Инҷилро рад намояд ва ҳамин тавр имтиёзи аз нав шуниданн онро аз даст диҳад (ояти 10-12). Дар тарзи муомилаи Худо чунин айёме мерасад, ки Калом бори охирин садо медиҳад. Мардум ба Инҷил набояд саҳлангорона беэътиноӣ намоянд, зеро аз он ҷовидона маҳрум шуда метавонанд. Ба он шахсоне ки нурро рад мекунанд, нур дода намешавад. Шаҳрҳо ва деҳаҳо, ки имтиёзи шунидани Хушхабарро доранд ва онро рад мекунанд, нисбат ба *Садӯм* бо қатъияти хеле зиёдтаре маҳкум карда хоҳанд шуд. Имтиёз чӣ андоза зиёд бошад, масъулият ба ҳамон андоза баландтар аст.

**10,13-14** Ҳангоме ки Исо ин суханонро мегуфт, Ӯ дар бораи се шаҳри Ҷалил ёдовар шуд, ки ба онҳо имтиёзҳои нисбат ба ягон шаҳри дигар хеле баландтар ато шуда буд. Онҳо дида буданд, ки Ӯ чӣ тавр дар кӯчаҳои онҳо муъҷиза нишон медод. Онҳо таълимоти пурфайзи Ӯро шунида буданд. Ва бо вуҷуди ин онҳо Ӯро тамоман рад карданд. Агар муъҷизаҳое ки Ӯ дар *Кӯразин* ва *Байт-Сайдо* ба амал овард, *дар Сур ва Сидӯни* қадима *зоҳир мешуд,* пас ин шаҳрҳои наздибаҳрӣ тавбаи амиқ мекарданд. Азбаски шаҳрҳои Ҷалил корҳои Исоро дида бепарво монданд, доварӣ бар онҳо нисбат ба *Сур* ва *Сидӯн* боз ҳам қатъитар хоҳад буд. Далелҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Кӯразин ва Байт-Сайдо ба андозае бераҳмона хароб гардидаанд, ки имрӯз ҷои аниқи онҳоро муайян кардан ғайриимкон аст.

**10,15** Баъд аз он ки Исо Носираро тарк кард, *Кафарнаҳум* истиқоматгоҳи Ӯ гашт. Ин шаҳр аз рӯи имтиёз *ба осмон афрохта* шуд. Вале вай ба Шаҳрванди беҳтарини худ беэтиноӣ намуд ва рӯзи мусоиди худро аз даст дод. Бинобар ин вай дар рӯзи доварӣ *ба дӯзах сарнагун мешавад.*

**10,16** Исо пандҳои Худро ба ҳафтод нафар бо изҳори он ба охир расонд, ки онҳо фиристодагони Ӯ мебошанд. Рад кардани онҳо – рад кардани Ӯро ифода менамуд, рад кардани Ӯ – рад кардани Худо Падарро ифода менамуд.

Райл шарҳ медиҳад:

*Шояд, дар Аҳди Нав суханоне пурқувваттар аз ин гуфтаҳо оид ба қадру қимати меҳнати ходими содиқ ва гуноҳи онҳое ки шунидани суханони Ӯро рад мекунанд, нестанд. Бояд дар хотир дошт, ки ин суханон на ба дувоздаҳ расул, балки ба ҳафтод шогирд ирсол шудаанд, ки номҳо ва саргузашти баъдинаи онҳо ба мо тамоман номаълуманд.*

Скотт мегӯяд:

*Сафирро рад намудан ё ба ӯ муносибати беэҳтиромона кардан – беэҳтиромӣ ба ҳокимест, ки ба ӯ супориш додааст ва ӯ вайро намояндагӣ мекунад. Расулон ва ҳафтод шогирд сафирон ва намояндагони Масеҳ буданд; радкунандагон ва нафраткунандагони онҳо аслан Ӯро рад мекарданд ва аз Ӯ нафрат доштанд.*[29]

## Г. Баргаштани ҳафтод нафар (10,17-24)

**10,17-18** Вақте ки *ҳафтод* шогирд аз супориш *баргаштанд,* онҳо рӯҳбаланд буданд, зеро ҳатто *девҳо* ба онҳо *фармонбардор буданд.* Ҷавоби Исоро ба ду тариқ фаҳмидан мумкин аст.

Аввалан, суханони Ӯ онро ифода карда метавонистанд, ки дар муваффақияти онҳо Ӯ гарави дар оянда *аз осмон* афтидани *шайтонро* медид. Ҷемисон, Фоссет ва Браун суханони Ӯро дигар хел баён мекунанд:

*Ман дар супориши шумо аз пайи шумо мерафтам ва муваффақияти онро мушоҳида мекардам. Ҳангоме шумо аз он ҳайрон мешудед, ки девҳо ба шумо ба исми Ман итоат менамоянд, ба чашми Ман манзараи боз ҳам бузургтар зоҳир мегашт: ногаҳон, ба мисли барқ, ба замин афтидани шайтон.*

Ин афтидани шайтон – дар оянда аст. Вайро аз осмон Микоил ва фариштаҳояш хоҳанд ронд (Ваҳй 12,7-9). Ин дар давраи Мусибати бузург то подшоҳии Масеҳ дар замин рӯй хоҳад дод.

Сонияи, маънидоди эҳтимолии суханони Исо дар огоҳкунӣ бар зидди ғурур иборат аст. Бо худи ҳамон Ӯ гӯё мегӯяд: «Бале, шумо шод ҳастед, зеро ки ҳатто девҳо ба шумо итоат мекунанд. Вале танҳо як чизро дар ёд доред: ғурур гуноҳи аввалин буд. Маҳз такаббур Люсиферро ба афтидан ва ронда шудан аз осмон оварда расонд. Нигоҳ кунед, ки шумо аз ин хатар дар амон бошед».

**10,19** Худованд ба шогирдони Худ *қудрати* ба тамоми қувваҳои душман ҳамла карданро дод. Ба онҳо кафолат дода шудааст, ки дар супориш аз зарар ҳимоя карда мешаванд. Ин ба ҳамаи хизматгорони Худо дахл дорад, – онҳо дар зери ҳимоя мебошанд.

**10,20** Вале онҳо бо қудрати худ бар *рӯҳҳо* бояд *шод нашаванд,* онҳо бояд аз он шод шаванд, ки худашон наҷот ёфтаанд. Ин ягона ҳодисаи навишташуда мебошад, ки Худованд ба шогирдони Худ шод нашуданро фармудааст. Муваффақият дар хизмати масеҳӣ хатари нозукро дар худ нуҳуфтааст, дар ҳоле ки *дар осмон навишта* шудани *номҳои* мо қарзи беохирро, ки мо аз Худо ва Писари Ӯ дорем, ёдрас мекунад. Барои наҷот аз рӯи файз бе хавфу хатар шодӣ кардан мумкин аст.

**10,21** Аз тарафи аксарият рад шуда, *Исо* ба пайравони фурӯтани Худ нигарист ва *дар Рӯҳ хушҳол шуда, Падарро* барои хиради беқиёси Ӯ ситоиш намуд. Ин ҳафтод нафар аз *хирадмандон ва доноёни* ин дунё набуданд. Онҳо одамони баландмаърифат набуданд, олим набуданд. Онҳо *кӯдак* буданд! Вале кӯдаконе ки бовар, бахшиш ва итоати бечуну чаро доштанд. Одамони баландмаърифат беҳад оқил, беандоза олим, бениҳоят бохирад буданд, то хушии худро донанд. Такаббур онҳоро дар назди арзиши ҳақиқии Писари дӯстдоштаи Худо кӯр мекард. Худо аз ҳама босамартар маҳз ба воситаи «кӯдакон» меҳнат карда метавонад. Худованди мо барои ҳамаи онҳое ки Падар ба Ӯ дод, шод буд; ва Ӯ ба ин муваффақияти нахустини ҳафтод шогирд, ки он пешбинии дар оянда афтидани шайтон буд, шодӣ мекард.

**10,22** *Ҳама чизро* дар осмон, дар замин ва дар зери замин *Падари* Ӯ ба Писари Худ *супурда* буд. Худо тамоми дунёро ба ихтиёри Писари Худ дод. *Ва ҳеҷ кас, ғайр Падар, намедонад, ки Писар кист.* Бо таҷассум сирре алоқаманд аст, ки онро ҳеҷ кас ба ғайр аз *Падар* дарк карда наметавонад. Он чиз берун аз ҳудуди фаҳмиши офариниш аст, ки Худо чӣ гуна метавонист Одам шавад ва дар ҷисми одамӣ сокин гардад. *Ва ҳеҷ кас намедонад, ки Падар кист, ғайр Писар ва касе ки Писар ба вай ошкор кардан хоҳад.* Худо ҳамчунин баландтар аз фаҳмиши одамист. Писар Ӯро ба таври комил медонад ва маҳз Писар Ӯро ба одамони нотавон, нодон ва залил, ки ба Ӯ бовар доранд, ошкор сохт (1Қур. 1,26-29). Онҳое ки Писарро дида буданд, Падарро дида буданд. Писари ягонае ки дар оғӯши Падар аст, Ӯро ба пуррагӣ зоҳир кард (Юҳ. 1,18).

Келлӣ мегӯяд: «Писар дар ҳақиқат Падарро зоҳир мекунад; вале хиради одамӣ ҳангоми кӯшиши ошкор сохтани сирри ҳалнопазири ҷалоли Шахсияти Масеҳ худро гум мекунад».

**10,23-24** Худованд *ба шогирдони* Худ *алоҳида* зикр намуд, ки онҳо дар рӯзҳои имтиёзи бемисл зиндагӣ мекунанд. Аксари *пайғамбарон ва подшоҳони* Аҳди Қадим *мехостанд* рӯзҳои Масеҳро *бинанд,* вале *надиданд.* Худованд Исо дар ин ҷо мегӯяд, ки Ӯ Он Шахсест ки пайғамбарони Аҳди Қадим интизор буданд, – Масеҳ. Ба шогирдон имтиёзи *дидани* муъҷизаҳо ва *шунидани* таълимоти умеди Исроил ато шуда буд.

## Ғ. Шариатдон ва сомарии некдил (10,25-37)

**10,25** *Шариатдон,* мутахассис дар таълимоти шариати Мусо, эҳтимол, дар саволи худ самимӣ набуд. Ӯ мекӯшид нисбат ба Наҷотдиҳанда ҳиларо ба кор барад, Ӯро озмояд.

Эҳтимол, ӯ фикр мекард, ки Худованд аз эътирофи шариат рӯ мегардонад. Барои ӯ Исо ҳамагӣ фақат *Устод* буд, *ҳаёти абадӣ* бошад – чизе ки онро бо аъмол бозёфт кардан ё сазовор шудан мумкин аст.

**10,26-28** Худованд ҳамаи инро дар ҷавоби Худ ба назар гирифт. Агар шариатдон фурӯтан ва тавбакарда мебуд, он гоҳ Наҷотдиҳанда ба ӯ бо кушодадилии зиёдтаре ҷавоб медод. Дар ҳамин хел шароит Исо диққати ӯро ба *Таврот* равона кард. Шариат чиро талаб мекард? Вай талаб мекард, ки одам *Худовандро* бештар аз ҳама *дӯст дорад* ва *ёри* худро *монанди худ* дӯст дорад. Исо ба ӯ гуфт, ки *чунин* рафтор карда, ӯ зиндагӣ ба даст меоварад.

Дар назари аввал чунин намуданаш мумкин аст, ки Худованд дар бораи наҷот ба воситаи риояи шариат таълим медод. Вале ин чунин нест. Худо ҳеҷ гоҳ дар назар надошт, ки ягон кас ягон вақт наҷотро ба воситаи риояи шариат ба даст оварда бошад. Даҳ фармуда ба одамоне дода шуда буданд, ки аллакай гуноҳкор буданд. Мақсади шариат на дар он аст, ки аз гуноҳ наҷот диҳад, балки ба дарки гуноҳ овардан аст. Вазифаи шариат аз он иборат аст, ки ба одам айби гуноҳи ӯро нишон диҳад.

Одами гуноҳкор Худоро *бо тамоми дили худ* ва *ёри* худро *мисли* худ дӯст дошта наметавонад. Агар ӯ инро аз зода шудан то ба марг карда метавонист, пас ба наҷот эҳтиёҷ намедошт. Ӯ ҳалокшуда намебуд. Вале ҳатто дар ин ҳолат ҳам мукофоти ӯ на зиндагии ҷовидона дар осмон, балки танҳо зиндагии дурудароз дар замин мебуд. Зиндагии ӯ ҳамон қадар давом мекард, ки ӯ бегуноҳ зиндагӣ кардааст. Зиндагии ҷовидона танҳо барои гуноҳкороне муқаррар гардидааст, ки ҳолати ҳалокшудаи худро эътироф намудаанд ва бо файзи Худо наҷот ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, изҳороти Масеҳ: *«Чунин кун, то ки ҳаёт дошта бошӣ»* – пурра фаразиявӣ буд. Агар ба шариат истинод намудани Худованд ба шариатдон таъсири дилхоҳ ба вуҷуд меоварinternal, пас ӯ мегуфт: «Агар инро Худо хоҳад, пас ман ҳалокшуда, нотавон ва ноумед ҳастам. Ман худро ба муҳаббат ва марҳамати Ту вогузор менамоям. Маро бо файзи Худ наҷот деҳ!»

**10,29** Ба ҷои ин ӯ мекӯшид *худро сафед кунад*. Барои чӣ ӯ инро мекард? Ҳеҷ кас ӯро гуноҳкор накарда буд. Ӯ айби худро мефаҳмид, ва дили ӯ мағрурона бархост, то ба он муқобил барояд. Ӯ пурсид: *«Пас ёри ман кист?»* Аз ҷониби ӯ ин кӯшиши дур шудан буд.

**10,30-35** Дар ҷавоби ин савол Худованд *Исо* ҳодисаи сомарии некдилро гуфта дод. Тафсили ин ҳодиса ба ҳама маълум аст. Қурбонии ғорат (қариб бешубҳа яҳудӣ) дар роҳ ба *Ариҳо* дар ҳолати *ниммурда* мехобид. *Коҳини* яҳудӣ ва баъд марде *аз сибти Левӣ* аз ёрӣ додан рӯ гардониданд; шояд, онҳо аз ҳила метарсиданд ё хавф мебурданд, ки агар онҳо таъхир кунанд, онҳоро ҳам ғорат мекунанд. Ба ёрӣ *сомарии* манфур омад; ӯ ёрии аввалин расонд, ҷабрдидаро ба *корвонсарой* овард ва дар бораи таъмини ӯ *ғамхорӣ намуд*. Барои сомарӣ яҳудии муҳтоҷ ёри ӯ буд.

**10,36-37** Баъд Наҷотдиҳанда саволи ногузирро дод. *«Кадоме аз* ин *се нафар»* барои одами нотавон *ёр* буд? Албатта, касе *«ки ба ӯ марҳамат кард»*. Бале, албатта. Пас шариатдон бояд *равад ва чунин рафтор кунад*. «Агар сомарӣ ба яҳудӣ меҳрубонӣ карда, исбот намуда тавонист, ки вай ёри ҳақиқии ӯст, пас бояд эътироф намуд, ки ҳамаи одамон наздиконанд».[30]

Дар коҳин ва марде аз сибти Левӣ тасвири онро дида метавонем, ки шариат қобил нест ба гуноҳкори мурда ёрӣ диҳад. Шариат фармудааст: «Ёри худро монанди худ дӯст дор», вале барои итоат қувва намедод. Ҳамчунин дар сомарии некдил Худованд Исоро дидан душвор нест, ки Ӯ ба назди мо ҳамон тавре ки мо будем, омад, моро аз гуноҳҳои мо наҷот дод, дар давоми тамоми роҳ аз замин то осмон ва то тамоми абадият дар ҳаққи мо ғамхорӣ намуд. Коҳинон ва левизодагон моро ноумед карда метавонанд, вале Сомарии Некдил ҳеҷ гоҳ ноумед намекунад.

Саргузашти сомарии некдил гардиши ногаҳонӣ пайдо кард. Вай аз ҷавоб ба саволи: «Ёри ман кист?» сар шуд. Вале бо гузориши саволи: «Ба кӣ исбот менамоӣ, ки ёри ӯ ҳастӣ?» ба охир расид.

### Д. Марям ва Марто (10,38-42)

**10,38-41** Сипас Худованд диққати Худро ба Каломи Худо ва дуо, чун ба ду воситаи бузурги баракат, равона месозад (10,38-11, 13).

*Марям пеши пойҳои Исо нишаста каломи Ӯро гӯш мекард. Лекин Марто* давуҷеғ

мекард ва дар бораи зиёфати калон барои Меҳмони шоҳона ғамхорӣ мекард. Марто мехост, ки *Хоҳараш* хоҳари ӯро барои ба ӯ ёрӣ надоданаш танбеҳ диҳад, вале Исо *Марторо* барои давуҷеғи ӯ меҳрубонона танбеҳ дод.

**10,42** Худованди мо муҳаббати моро нисбат ба хизмати мо баландтар баҳо медиҳад. Хизмат тобиши такаббур ва аҳамияти шахсӣ дошта метавонад. Ба мо *фақат як чиз даркор аст:* мушоракат бо Ӯ. Ин ҳамон қисми *некӯ аст, ки аз вай кашида гирифта намешавад.* С. А. Коутс мегӯяд: «Худованд моро аз Марто ба Марям табдил додан мехоҳад, чунон ки Ӯ моро аз шариатдонон ба ёрон табдил додан мехоҳад».[31]

Чарлз Р. Эрдман менависад:

*Агарчи Худованд ҳамаи он чиро, ки мо барои Ӯ мекунем, қадр менамояд, ба ҳар ҳол медонад, ки мо аз ҳама зиёд ба он эҳтиёҷ дорем, ки пеши пои ӯ шинем ва хости Ӯро дарк намоем. Баъд мо дар меҳнатҳои худ ором, осоишта ва нек хоҳем буд ва хизмати мо ниҳоят такомул ёфта метавонад, ба мислии Марям, вақте дар саҳнаи охирин ба пои Исо равғани зайтун рехт, ки накҳати он то ба ҳол ҷаҳонро фаро гирифтааст.*[32]

### Е. Дуои шогирдон (11,1-4)

Байни бобҳои 10-11 фосилае ҳаст, ки он дар Юҳанно 9,1-10,21 тасвир ёфтааст.

**11,1** Ин боз як ишораҳои зиёди Луқо ба ҳаёти дуогӯёнаи Худованди мо мебошад. Вай ба мақсади Луқо мувофиқат мекунад, ки вай Масеҳро чун Писари Одам, ҳамеша ба Худо, Падари Ӯ вобаста нишон додан мехост. Шогирдон ҳис мекарданд, ки дуо гуфтан – дар ҳаёти Исо қувваи ҳақиқӣ ва ҳаётан муҳим мебошад. Ҳангоме ки онҳо дуо гуфтани Ӯро мешуниданд, дар онҳо хоҳиши ҳамчунин дуо гуфтан пайдо мешуд. Бинобар ин *яке аз шогирдони* Ӯ илтимос намуд, ки Худованд ба онҳо *дуо гуфтанро* омӯзад. Ӯ нагуфт: «Ба мо биомӯз, чӣ гуна дуо гӯем», балки: «*Дуо гуфтанро ба мо ёд деҳ*» гуфт. Ҳар тавре ки бошад, илтимос, албатта дар худ ҳам амал, ҳамчунин усулро дар бар мегирад.

**11,2** Намунаи дуо, ки онро Худованд Исо ба онҳо дар ин вақт дод, ба андозае аз он чи дар Инҷили Матто дуои Худованд номида мешавад, фарқ мекунад. Ин фарқҳо мақсад ва маъно доранд. Ҳеҷ яки онҳо тасодуфӣ нест.

Пеш аз ҳама, Худованд ба шогирдон муроҷиат ба Худоро омӯзонд: «Падари мо!» Чунин муносибатҳои наздики оилавӣ ба имондорони Аҳди Қадим маълум набуданд. Ин фақат онро ифода мекунад, ки минбаъд имондорон бо Худо чун бо *Падари* дӯстдоштаи осмонӣ бояд гап зананд.

Сипас ба мо дуо дар бораи он ки *номи* Худо *муқаддас* бошад, таълим дода шудааст. Дар ин саъю кӯшиши дили имондор ифода ёфтааст, то ки ба Худо бо парастиш, ситоиш ва бо эҳтиром муроҷиат карда шавад. «*Подшоҳии Ту биёяд*» гуфта, мо дар бораи он дуо мегӯем, ки зудтар рӯзе биёяд, ки Худо қувваҳои душманонаро паст мекунад ва дар Шахсияти Масеҳ аз ҳама баландтар дар болои *замин* ҳукмрон мегардад, вақте ки *хости* Ӯ, *чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам* амалӣ мегардад.

**11,3** Ба дуогӯянда таълим дода шудааст, ки баъд аз ҷустани Подшоҳии Худо ва ростқории Ӯ оид ба эҳтиёҷот ва хоҳишҳояш хабар диҳад. Дар ин ҷо эҳтиёҷоти доимӣ ба ғизои ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонӣ инъикос ёфтааст. Мо бояд дар вобастагии ҳаррӯза ба Ӯ зиндагӣ кунем ва Ӯро сарчашмаи ҳар некӯӣ эътироф намоем.

**11,4** Баъдан дуо оид ба бахшоиши *гуноҳҳо* дар асоси он ки мо ба ёрамон рӯҳи бахшоиш зоҳир намудем, меояд. Комилан равшан аст, ки ин ба афв аз ҷазо барои гуноҳ дахл надорад. Чунин бахшоиш бо амале ки Масеҳ дар Ҷолҷолто ба амал овард, асоснок карда мешавад ва танҳо бо имон қабул карда мешавад. Дар ин ҷо мо бо бахшоиш аз ҷониби падару модар ё ҳукумат сару кор дорем. Баъд аз он ки мо наҷот ёфтем, Худо бо мо чун бо фарзандон муомила менамояд. Агар ӯ дар дилҳои мо рӯҳи беилтифотӣ ва набахшиданро ёбад, Ӯ моро ба ҷазо гирифтор мекунад, то он замоне ки мо фурӯтан гардем ва аз нав ба мушоракат бо Ӯ баргардем. Чунин бахшидан на бо муносибати фарзандона бо Худо, балки бо мушоракат бо Ӯ робита дорад.

Илтимоси «*ва моро ба озмоиш дучор накун*» барои баъзе одамон мушкилиро ифода мекунад. Мо медонем, ки Худо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ касро ба гуноҳ васваса намекунад. Вале Ӯ раво медонад, ки мо дар зиндагии худ мушкилот

ва озмоишҳоро, ки барои хушиҳои мо пешакӣ муайян карда шудаанд, аз сар гузаронем. Дар ин ҷо он маъно аниқ аст, ки мо ҳамеша бояд ҳушёр бошем, чунки мо моил ба гум кардани роҳ ва гирифтори гуноҳ шудан ҳастем. Мо бояд аз Худо хоҳиш намоем, ки моро аз гуноҳкунӣ нигоҳ дорад, ҳатто агар мо худамон ба кардани он хоҳиш дошта бошем. Мо бояд оид ба он дуо гӯем, ки имконияти гуноҳ кардан ва хоҳиши рафторҳои пургуноҳ ҳеҷ гоҳ дар як вақт мувофиқ наоянд. Ин дуо нобоварии солимро дар муқобилат карда тавонистан ба васвасаҳо ифода менамояд. Дуо бо хоҳиши *моро аз шайтон раҳоӣ додан* ба охир мерасад.[33]

## Ё. Ду масал дар бораи дуо (11,5-13)

**11,5-8** Мавзӯи дуоро давом дода, Худованд мисоле овард, то нишон диҳад, ки Худо мехоҳад арзи фарзандони Худро шунавад ва ба онҳо ҷавоб диҳад. Дар ин ҳикоят сухан дар бораи одаме меравад, ки *нисфи шаб* ба хонаи ӯ ба меҳмонӣ омад. Мутаассифона, дар дасти ӯ хӯроки кофӣ набуд. Бинобар он ӯ ба хонаи ҳамсояаш равона шуд, дари хонаи ӯро тақтақ кард ва аз ӯ *се нон* қарз гирифт. Дар аввал ҳамсоя озурдахотир шуд, ки ӯро аз хоб бедор карданд ва кӯшиш намекард, ки аз бистар бархезад. Вале, тақ-тақи давомнок ва даъвати баланди меҳмондори ба ташвиш омадаро шунида, ӯ ба ҳар ҳол хест ва чӣ қадаре ки пурсида буд, *ба вай дод.*

Мо дар истифодаи ин мисол бояд эҳтиёт шавем, то аз баъзе хулосаҳо барканор бошем. Ин мисол онро ифода намекунад, ки Худо аз илтимосҳои боисрори мо безор мешавад. Ва аз ин ҷо ҳаргиз чунин барнамеояд, ки ягона воситаи ба дуои худ ҷавоб гирифтан – исрор кардан аст.

Ин порча таълим медиҳад, ки агар одам тайёр аст ба дӯсташ аз рӯи талаби боисрори ӯ ёрӣ диҳад, пас Худо шунидани фарёди фарзандони Худро хеле бештар мехоҳад.

**11,9** Ин ҷо дар бораи он панд дода шудааст, ки мо дар зиндагии дуогӯёнаи худ набояд монда шавем ё ноумед гардем. «Талабиданро давом диҳед ... ҷустанро давом диҳед. кӯфтани дарро давом диҳед».[34]

Баъзан Худо ба дуои мо баъд аз илтимоси аввалини мо ҷавоб медиҳад. Вале мавридҳое мешаванд, ки Ӯ танҳо баъд аз илтимосҳои давомдор ҷавоб медиҳад:

*Худо ба дуоҳо ҷавоб медиҳад: баъзан, ҳангоме ки дилҳои мо нотавонанд,*
*Ӯ маҳз ҳамон атоҳоеро медиҳад, ки имондорон ба он муҳтоҷанд;*
*Вале аксаран имони мо бояд дарси ҷиддитареро аз худ кунад,*
*Ва вақте ки Ӯ ҳеҷ чиз намегӯяд, ба хомӯшии Худо боварӣ карданро омӯзад,*
*Ӯ, ки номаш Муҳаббат аст, ҳама чизҳои беҳтаринро мефиристад.*
*Ситораҳо хомӯш шуда метавонанд, кӯҳҳо вайрон мешаванд,*
*Вале Худо содиқ аст; ваъдаҳои Ӯ боэътимоданд.*

Ӯ қувваи мост. М. Г. П.

Ин масал дар бораи дараҷаи афзояндаи исрор намудан равшан таълим медиҳад – хоҳиш кунед, ҷӯед, дарро кӯбед.

**11,10** Ин оят таълим медиҳад, ки *ҳар кӣ хоҳиш кунад, мегирад* ва ҳар *кӣ ҷӯяд, меёбад* ва ҳар кӣ дарро *кӯбад, он ба ӯ кушода мешавад.* Дар ин ҷо ба мо ваъдаи он дода шудааст, ки ҳангоме дуо мегӯем, Худо ба мо ҳамеша чизи талабидаамонро ё ҳатто ягон чизи беҳтареро медиҳад. Ҷавоби «не» инро ифода мекунад: Ба Ӯ маълум аст, ки илтимоси мо бароямон ягон чизи беҳтарин намешавад; дар ин ҳол инкори Ӯ нисбат ба талаби мо беҳтар аст.

**11,11-12** Ин ҷо оид ба он гуфта мешавад, ки вақте мо *нон* металабем, Худо ҳеҷ гоҳ *санг* дода, моро фиреб намедиҳад. Дар он замон нонро ба шакли кулчаи гирдаи паҳн, ки сангро ба хотир меоварад, мекарданд. Вақте ки мо хӯрок металабем, Худо ҳеҷ гоҳ ягон чизи нахӯрданӣ дода, бар аҳволи мо намехандад. Агар мо *моҳӣ* пурсем, Ӯ ба мо *мор* намедиҳад, яъне ягон чизеро, ки моро нест карда метавонад. Ва агар мо *тухм* талаб намоем, Ӯ ба мо *каждум* намедиҳад, яъне ягон чизеро, ки дарди пуразоб ба вуҷуд оварда метавонад.

**11,13** Падари заминӣ тӯҳфаҳои бад намедиҳад; ҳарчанд ӯ табиати пургуноҳ дорад, ӯ *ба фарзандони* худ *тӯҳфаҳои некро дода метавонад. Падари Осмонӣ чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз Ӯ хоҳиш мекунанд, Рӯҳулқудсро медиҳад.* Ҷ. Г. Беллет мегӯяд: «Атое ки Ӯ чун эҳтиёҷи аз ҳама бузург зикр кардааст, ва онро Ӯ бештар аз ҳама чиз ба мо додан мехоҳад, – Рӯҳулқудс аст.» Вақте ки Исо ин суханонро

мегуфт, Рӯҳулқудс ҳанӯз ато нашуда буд (Юҳ. 7,39). Мо ҳозир набояд дар бораи он дуо гӯем, ки Рӯҳулқудс ба мо чун Шахсияте *дода шавад,* ки доимо дар мо сокин аст, зеро Ӯ аллакай дар мо ҳангоми имон оварданамон омад ва дар мо сокин гашт (Рум. 8,9; Эфс. 1,13.14).

Вале албатта, дар бораи Рӯҳулқудс қадре дигар хел дуо гуфтан бамаврид ва зарур аст. Мо бояд дар бораи он дуо гӯем, ки Рӯҳулқудс моро таълим диҳад, моро роҳнамоӣ кунад ва қувваи Ӯ дар давоми тамоми хизмати мо барои Масеҳ бар мо ҷорӣ шавад.

Комилан мумкин аст, ки ҳангоме Исо ба шогирдон оид ба *Рӯҳулқудс* хоҳиш карданро меомӯхт, Ӯ ба *қувваи* Рӯҳулқудс ишора мекард, ки ба онҳо имкон медод ҳаёти шогирдӣ ба сар баранд, ва Ӯ ба онҳо дар бобҳои пешина оид ба он таълим дода буд. Онҳо дар ин муддат, эҳтимол, фаҳмиданд, ки ба чӣ андоза бо қувваҳои шахсии худ аз уҳдаи озмоишҳои шогирдӣ баромада наметавонанд. Ва ин ҳақиқатан чунин аст. *Рӯҳулқудс* қувваест, ки ба одам қобилияти ҳаёти масеҳӣ ба сар бурданро медиҳад. Инак, Исо Худоро хоҳишманди боэҳтироси ба талабгорон додани чунин қувва нишон медиҳад.

Дар нусхаи аслии юнонӣ дар ояти 13 пеш аз суханони «Рӯҳулқудс» артикли муайянӣ нест. Профессор Ҳ. Б. Свит қайд менамояд, ки вақте ки чунин артикл ҳаст, он ба худи Шахсият ишорат менамояд, вақте ки артикл нест, пас ин ишора ба атоҳои Ӯ ва амали Ӯ дар мо мебошад. Яъне, дар порчаи додашуда дуо бештар на оид ба *Шахсияти* Рӯҳулқудс, балки оид ба хизмати Ӯ дар зиндагии мо мебошад. Ин ба воситаи ҷои мувозӣ дар Матто 7,11 бештар маълум мегардад, ки он мегӯяд: «... пас Падари шумо, ки дар осмонҳост ба онҳое, ки аз Ӯ хоҳиш мекунанд, чанд маротиба зиёдтар чизҳои *нек* медиҳад».

## Ж. Исо ба мунаққидони Худ ҷавоб медиҳад (11,14-26)

**11,14-16** Исо *деви* гунгро *берун карда,* дар байни одамон воҳимаи комил ба амал овард. Баъзеҳо *ҳайрон шуданд,* дигарон рӯйрост ба Худованд муқобил баромаданд. Мухолифат ду шакли асосиро қабул намуд. *Баъзе аз онҳо* Ӯро дар он гуноҳкор менамуданд, ки Ӯ *девҳоро ба воситаи Баал-Забул, калони девҳо, берун мекунад. Дигарон* бошанд талаб мекарданд, то ки ӯ *аз осмон аломат* нишон диҳад; эҳтимол, онҳо чунин мешумориданд, ки ин метавонад айбномаи бар зидди Ӯ баровардашударо аз байн барад.

**11,17-18** Ҷавоб ба айбномае ки гӯё Ӯ девҳоро аз он сабаб берун кард, ки дар Ӯ Баал-Забул сокин шуд, дар оятҳои 17-26 дода шудааст. Ба дархост оид ба нишон додани аломатҳо дар ояти 29 ҷавоб дода шудааст. Пеш аз ҳама Худованд Исо ба онҳо хотиррасон намуд, ки *ҳар подшоҳие ки дар худ ҷудоӣ дорад, рӯ ба харобӣ меоварад* ва *ҳар хонае ки дар худ ҷудоӣ дорад,* фурӯ меғалтад. Агар Ӯ аслиҳаи шайтон дар берун кардани девҳо бошад, пас *шайтон* бар зидди зердастони шахсии худ мубориза мебарад. Фикр кардан хандаовар аст, ки дев ба ҳамин тариқ худ ба худаш мухолифат мекунад ва ба мақсади худаш мамониат мекунад.

**11,19** Баъд Худованд ба мунаққидони Худ хотиррасон намуд, ки ҳамватанони онҳо дар худи ҳамон замон рӯҳҳои нопокро берун меронданд. Агар Ӯ инро бо қувваи шайтон ба амал оварда бошад, пас аз ин албатта чунин бармеояд, ки онҳо ҳам инро бояд бо худи ҳамон қувва кунанд. Яҳудиён, албатта, инро ҳеҷ гоҳ эътироф намекарданд. Аммо чӣ хел онҳо қувваи далелҳоро рад карда метавонистанд? Қувва барои берун кардани девҳо ё аз Худо, ё аз шайтон омад. Ё яке, ё дигаре; ҳам ину ҳам он дар як вақт буда наметавонист. Агар Исо бо қувваи шайтон амал карда бошад, пас яҳудиёне ки девҳоро берун мекунанд, ба худи ҳамон қувва вобаста буданд. Маҳкум намудани Ӯ маҳкум кардани онҳоро низ ифода мекунад.

**11,20** Шарҳи ҳақиқӣ чунин аст: Исо *девҳоро бо ангушти Худо берун мекард.* Ӯ чиро дар назар дошт, вақте ки *«бо ангушти Худо»* мегуфт? Дар Инҷили Матто 12,28 мо инро мехонем: «Лекин агар Ман девҳоро бо Рӯҳи Худо берун мекарда бошам, пас Подшоҳии Худо ба шумо омада расидааст». Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки *ангушти Худо* худи ҳамон чиз аст, ки Рӯҳи Худост. Девҳоро бо Рӯҳи Худо берун кардани Исо аз он шаҳодат медод, ки *Подшоҳии Худо* ба одамони ин насл *омада расидааст.* Подшоҳӣ дар Шахсияти худи Подшоҳ омад. Худи он далел, ки Худованд Исо чунин мӯъҷизаҳо ба амал оварда дар байни онҳо буд, исботи қатъии он буд, ки дар

арсаи таърих Ҳокими аз тарафи Худо тадҳиншуда зоҳир шуд.

**11,21-22** То лаҳзаи ҳозира шайтон *«зӯрманди мусаллаҳ»* буд, ки вай бебаҳс дар мулки худ ҳокимият меронд. Вай одамони девзадаро сахт баста буд, ва ҳеҷ кас оид ба қудрати вай баҳсу талош намекард. *Дороии ӯ дар амон* буд, яъне дар ҳеҷ кас қуввае набуд бо ҳокимияти ӯ талош кунад. Худованд Исо аз шайтон *пурзӯртар* буд, *ба вай ҳуҷум карда, бар ӯ ғолиб омад, тамоми аслиҳаи вайро* кашида гирифт ва дороии вайро, ки *тороҷ* кард, тақсим намуд.

Ҳатто мунаққидони Исо инкор намекунанд, ки Ӯ рӯҳи нопокро берун кард. Ин танҳо онро ифода карда метавонист, ки шайтон мағлуб шуда буд ва қурбониҳои ӯ ба озодӣ сар дода шуданд. Моҳияти оятҳои додашуда дар ҳамин аст.

**11,23** Баъдтар Исо илова намуд, ки ҳар *кӣ* бо *Ӯ нест,* ба Ӯ зид аст ва *ҳар кӣ бо Ӯ ҷамъ намекунад, пароканда мекунад*. Касе гуфтааст: «Одам ё садди роҳ мебошад, ё дар роҳ». Мо аллакай дар бораи мухолифати зоҳирӣ байни ояти додашуда ва 9,50 хотиррасон намуда будем. Агар масъала дар Шахсият ва амали Масеҳ бошад, пас бетарафӣ номумкин аст. Одаме ки тарафдори Масеҳ нест, муқобили Ӯст. Вале агар сухан дар бораи хизмати масеҳӣ равад, пас одамоне ки ба ходимони Масеҳ зид нестанд, тарафдори онҳо мешаванд. Дар ояти якум масъалаи наҷот аст, дар дуюм – масъалаи хизмат.

**11,24-26** Аз афташ, Худованд мавзӯи сӯҳбатро ба мунаққидони Худ мегузаронад. Онҳо Ӯро дар девзадагӣ айбдор намуданд. Ӯ бошад халқи Исроилро бо одаме монанд мекунад, ки муваққатан аз девзадагӣ шифо ёфта буд. Ин дар мавриди онҳо ҳақиқат буд. Халқи Исроил то асорати худ девзадаи бутпараст буд. Вале асорат яҳудиёнро аз ин *рӯҳи нопок* раҳо дод ва аз он вақт онҳо ҳеҷ гоҳ дигар бутпарастӣ намекарданд. Хонаи онҳо *ҷорӯбзада ва ороста* буд, вале онҳо Худованд Исоро ба он чун соҳиб даъват намудан нахостанд. Яъне, Ӯ пешгӯӣ кард, ки дар рӯзи меомада *рӯҳи нопок ҳафт рӯҳи дигари аз худаш бадтарро* ҳамроҳи худ меоварад *ва* онҳо ба хона *дохил шуда, дар он ҷо зиндагӣ* мекунанд. Ин ба он шакли даҳшатангези бутпарастӣ ишорат мекунад, ки онро миллати яҳудӣ дар давраи Мусибати бузург қабул менамояд. Онҳо зиддимасеҳро худо эътироф хоҳанд кард (Юҳ. 5,43), ва ҷазо барои ин гуноҳ нисбат ба он чи ягон вақт одамон аз сар гузаронида буданд, зиёдтар мешавад.

Ҳарчанд ин мисол дар навбати аввал ба таърихи *халқи* Исроил дахл дорад, он ҳамчунин ба нокифоягии тавбаи одӣ ё дигаргунӣ дар ҳаёти одами *алоҳида* ишорат менамояд. Фақат саҳифаи тозаро кушодан кифоя нест. Худованд Исои Масеҳро ба зиндагӣ ва ба дил қабул кардан лозим аст. Дар акси ҳол одам барои воридшавии шаклҳои аз ин бадтари гуноҳ кушода мебошад.

### З. Аз Марям хушбахттар (11,27-28)

**11,27-28** Як зан *аз* байни *мардуми* ҷамъомада баромад, то ки Исоро бо суханони зерин ҷалол диҳад: *«Хушо шиками, ки туро бардоштааст ва пистонҳое, ки Туро шир додаанд!»* Ҷавоби Худованди мо аҳамияти бузурге дорад. Ӯ рад намекард, ки Марям, модари Ӯ, муборак аст, вале Ӯ гуфт, ки як чизи аз ин ҳам бузургтар ҳаст: *Каломи Худоро шунидан ва онро риоя кардан* муҳимтар аст. Ба иборaи дигар, Марям бештар аз он ҷиҳат муборак аст, ки ба Масеҳ имон оварда, Ӯро пайравӣ намудааст, нисбат ба он ки вай модари Ӯст. Муносибатҳои ҷисмонӣ чунон аҳамиятеро ба монанди муносибатҳои рӯҳонӣ надоранд. Ин бояд кифоя бошад, то онҳое ки Марямро объекти парастиш мекунанд, хомӯш шаванд.

### И. Аломати Юнус (11,29-32)

**11,29** Дар ояти 16 баъзеҳо аз Худованд Исо *аломатҳо* аз осмон талаб намуда, Ӯро ба васваса меандохтанд. Акнун Ӯ ба ин хоҳиш ҷавоб дода, мегӯяд, ки он аз ин *насли бад* бармеояд. Суханони ӯ дар навбати аввал ба насли яҳудиёне дахл доштанд, ки дар он вақт зиндагӣ мекарданд. Писари Худо онҳоро бо ташрифи Худ сарафроз кард. Онҳо суханони Ӯро шунида буданд ва шоҳидони муъҷизаҳои Ӯ буданд. Вале ин ба онҳо кифоя набуд. Алҳол онҳо арз мекарданд, ки фақат ҳамон вақте ки аломатҳои фавқуттабиии бузургеро дар осмон бинанд, ба Ӯ бовар мекунанд. Ҷавоби Худованд аз он иборат буд, ки ба онҳо *ғайр аз аломати*

*Юнуси пайғамбар* ҳеҷ гуна *аломате дода намешавад*.

**11,30** Ӯ ба растохези Худ аз мурдагон ишорат мекард. Ба монанди он ки *Юнус* баъди се рӯзу се шаб дар шиками наҳанг будан аз гирдоби баҳр наҷот ёфт, ҳамчунин Худованд Исо ҳам баъди се рӯзу се шаб дар қабр будан аз мурдагон бармехезад. Ба ибораи дигар, муъҷизаи охирин ва анҷомдиҳанда дар хизмати заминии Худованд Исо растохези Ӯ хоҳад буд. *Юнус аломате барои мардуми Нинве буд*. Вақте ки Ӯ барои мавъиза ба ин шаҳри ғайрияҳудиён равона шуд, ӯ ба он ҷо чун (ба маънои маҷозӣ) одами аз мурдагон зиндашуда рафт.

**11,31-32** *Маликаи Ҷануб,* маликаи ғайрияҳудии Сабо, *барои шунидани ҳикмати Сулаймон* масофаи бузургро паси сар кард. Вай ягон муъҷизаро надид. Ва агар вай имтиёзи дар рӯзҳои Худованд зистанро доро мебуд, пас бо майли том Ӯро қабул мекард! Бинобар ин вай дар рӯзи *доварӣ* бар зидди ин мардуми бад *бармехезад,* ки онҳо имтиёзи дидани аъмоли фавқуттабиии Худованд Исоро доштанд ва ба ҳар ҳол Ӯро рад карданд. Касе *аз Юнус бузургтар* ва *аз Сулаймон бузургтар* ба арсаи таърихи инсоният баромад. Дар он вақте ки *мардуми Нинве аз мавъизаи Юнус тавба карданд*, исроилиён аз мавъизаи Оне ки *аз Юнус бузургтар* аст, тавба карданро рад карданд.

Имрӯзҳо беимонон ба ҳодисаи Юнус тамасхур карда, онро ба афсонаи яҳудиён нисбат медиҳанд. Исо дар бораи Юнус чун дар бораи шахсияти ҳақиқии таърихӣ сухан меронд, чунон ки дар бораи Сулаймон ҳам. Одамоне ки мегӯянд, гӯё агар муъҷизаро бинанд, бовар мекунанд, гумроҳ ҳастанд. Имон на дар тасдиқи узвҳои ҳис асос меёбад, балки дар Каломи зиндаи Худо. Агар одам ба Каломи Худо бовар накунад, пас, ҳатто агар касе аз мурдагон зинда шавад, ӯ бовар намекунад. Талаби аломатҳо ба Худо мақбул нест. Ин имон нест, балки дидан аст. Беимонӣ мегӯяд: «Аввал бинам, баъд бовар мекунам». Худо мегӯяд: «Имон оваред ва баъд хоҳед дид».

## Й. Масал дар бораи шамъи даргиронда (11,33-36)

**11,33** Дар назари аввал чунин менамояд, ки дар байни ин ва оятҳои пешина робитае нест. Вале ҳангоми омӯзиши хеле дақиқ мо робитаи хеле муҳимро ошкор менамоем. Исо ба шунавандагони Худ хотиррасон намуд, ки *ҳеҷ кас чароғро* даргиронда, дар ҷои ниҳоне, *дар зери зарф* намегузорад. Вай онро ба *чароғдон* мегузорад, ки дар он ҷо вайро дидан мумкин аст ва дар он ҷо ба ҳамаи воридшавандагон рӯшноӣ медиҳад.

Мавриди истифода чунин аст: Он Шахсе ки *чароғро даргиронд* – Худост. Ӯ дар Шахсият ва дар аъмоли Худованд Исои Масеҳ дурахши рӯшноиро барои ҷаҳон таъмин намуд. Ва агар касе Рӯшноиро набинад, ин на бо айби Худост. Дар боби 8 Исо оид ба ҷавобгарие ки ба уҳдаи шогирдони Ӯ гузошта шуда буд, сухан меронд: Имонро пахн кардан, на ин ки онро дар зери зарф пинҳон намудан. Дар ин ҷо, дар ояти 11,33, Ӯ беимонии мунаққидонеро фош мекунад, ки аз Ӯ аломатҳо меҷӯянд. Ҷустуҷӯи он аз ҳарисӣ ва тарси шармандагӣ ба вуҷуд омадааст.

**11,34** Натиҷаи хоҳишҳои нопоки онҳо беимонӣ буд. Дар воқеияти табиӣ *чашм* ба *тамоми бадан* рӯшноӣ медиҳад. Агар чашм солим бошад, пас одам рӯшноиро дида метавонад. Вале агар чашм бемор, яъне кӯр бошад, рӯшноӣ ба он ворид шуда наметавонад.

Дар ҷаҳони рӯҳонӣ низ чунин аст. Агар одам дар хоҳиши фаҳмидани худ самимӣ бошад, ки оё Исо Масеҳи Худост, пас Худо инро ба ӯ ошкор месозад. Агар хоҳиши ӯ нопок бошад, агар вай дар ҳарисии худ истодан хоҳад, агар вай аз он чи ки дигарон мегӯянд, тарсад, пас ӯ дар назди эътибори ҳақиқии Наҷотдиҳанда кӯр аст.

**11,35** Одамоне ки Исо ба онҳо муроҷиат мекард, худро хеле бохирад меҳисобиданд. Онҳо гумон мекарданд, ки дар онҳо рӯшноӣ бағоят зиёд аст. Вале Худованд Исо ба онҳо маслиҳат дод онро ба ҳисоб гиранд, ки *нуре* ки *дар* онҳост, дар амал торикист. Хирад ва афзалияти шахсӣ, ки ин одамон иддао доштанд, онҳоро ба назди Ӯ роҳ намедоданд.

**11,36** Одами дорои хоҳишҳои пок, ки дар назди Исо – Нури ҷаҳон – тамоми ҳастии худро мекушояд, пур аз илҳоми рӯҳонӣ хоҳад буд. Зиндагонии ботинии ӯ айнан ҳамон хел бо Масеҳ маърифатнок карда хоҳад шуд, чунон ки бадани одам ҳангоми дар зери нурҳои рости шамъ нишастанаш равшан карда мешавад.

### Й. Покии зоҳирӣ ва ботинӣ (11,37-41)

**11,37-40** Вақте ки Исо ба хонаи *як фарисӣ* ба зиёфат рафт, Ӯ соҳиби хонаро бо он ҳайрон кард, ки *пеш аз хӯрок даст нашуст.* Исо андешаи ӯро фаҳмид ва ӯро барои чунин дурӯягӣ ва зоҳирпарастӣ сарзаниш кард. Исо ба ӯ ёдовар шуд, ки на тозагии *беруни пиёла,* балки тозагии *даруни* он аҳамияти ҳақиқиро дорост. Зоҳиран фарисиён комилан росткор менамуданд, вале ботинан пур аз дуздӣ ва макр буданд. Худи ҳамон Худо, ки *берунро офаридааст, дарунро* низ офаридааст. Вай хоҳони он аст, ки зиндагии ботинии мо пок бошад. Одам ба рӯй менигарад, Худованд бошад ба дил (1Сам. 16,7).

**11,41** Худованд мефаҳмид, ки фарисиён чӣ қадар ҳарис ва худписанд буданд, бинобар ин Ӯ ба ин соҳиб фармуд, ки аввал ӯ *аз он чи дорад, садақа диҳад.* Агар ӯ аз ин санҷиши асоситарини муҳаббат ба наздикон гузашта метавонист, *он гоҳ ҳама* чизи ӯ тоза мебуд.

Ҳ. А. Айэнсайд шарҳ медиҳад:

*Танҳо ҳамон вақте ки муҳаббати Худо дилро ба андозае пур мекунад, ки одам дар бораи эҳтиёҷоти наздикон ғамхорӣ менамояд, ин риояти зоҳирӣ арзиши ҳақиқиро соҳиб мешавад. Одаме ки монда нашуда барои худ ғун мекунад ва ба одамони бенаво ва муҳтоҷи дар атрофаш буда бо бетарафии фавқулода муносибат мекунад, дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки дар ӯ муҳаббати Худо сокин нест.*[35]

Муаллифи номаълум ҷамъбаст менамояд:

*Суханони қатъӣ, ки дар оятҳои 39-52 бар зидди фарисиён ва шариатдонон навишта шудаанд, дар сари дастурхони фарисӣ гуфта шуда буданд (ояти 37). Он чизеро, ки мо «табъи баланд» меномем, аксаран садоқат ба ҳақиқатро иваз мекунад. Мо табассум менамоем, ҳангоме қавоқ андохтанамон лозим аст; ва мо хомӯш мемонем, ҳангоме бояд гап занем. Аз вайрон кардани садоқат ба Худо дида хӯрокхӯриро қатъ намудан беҳтар аст.*

### К. Маломат ба фарисиён (11,42-44)

**11,42** *Фарисиён* пайрави зоҳир буданд. Онҳо дар нисбати хурдтарин ҷузъиёти қонунҳои маросимӣ, ба монанди даҳяк аз растаниҳои хурд нозуктабъӣ зоҳир мекарданд. Вале онҳо дар бораи муносибатҳояшон бо Худо ва одамон ғамхорӣ намекарданд. Онҳо ба бенавоён зулм мекарданд ва Худоро дӯст намедоштанд. Худованд онҳоро барои додани даҳяк аз *пудина, испанд* ва ҳар гуна сабзавот маломат намекард, вале фақат ишорат намуд, ки онҳо, ба ухдадориҳои асоситарини зиндагӣ, ба монанди *ростӣ ва муҳаббати Худо* хунукназарӣ намуда, дар иҷрои майда-чуйда набояд ба ин андоза хурдагир бошанд. Онҳо ба чизи дуюмдараҷа диққати махсус медоданд, чизи асосиро бошад сарфи назар мекарданд. Онҳо дар он чи одамони дигар дида метавонистанд, комил буданд, вале дар бораи он чи танҳо Худо медид, ғамхорӣ намекарданд.

**11,43** Онҳо ба намоиш мондани худ, *дар куништҳо* мавқеи намоён ишғол кардан ва *дар кӯчаву бозор* ҷалб кардани таваҷҷуҳи бештарро дӯст медоштанд. Яъне онҳо на танҳо дар пайравӣ ба зоҳир, балки дар такаббур ҳам айбдор буданд.

**11,44** Ва ниҳоят, Худованд онҳоро ба *қабрҳои* аз назар пинҳон монанд кард. Аз рӯи шариати Мусо ҳар касе ки ба қабр даст расонад, ҳафт рӯз нопок буд (Ад. 19,16), ҳатто агар даст расонда, надонад, ки ин қабр буд. *Фарисиён* зоҳиран таассуроте пайдо мекунонданд, ки пешвоёни содиқи дин ҳастанд. Вале онҳо мебоист дар худ аломатеро гирифта мегаштанд, то огоҳ кунад, ки ба онҳо даст расонидан боиси нопокшавии одамон мешавад. Онҳо *монанди гӯрҳои нонамоён* буданд, пур аз вайроншавии ахлоқӣ ва нопокӣ, ки онҳо дигаронро бо сирояти намоишдиҳӣ ва такаббур гирифтор мекунанд.

### Қ. Маҳкум намудани шариатдонон (11,45-52)

**11,45** *Шариатдонон* китобдон буданд – мутахассисон дар маънидоди шариати Мусо. Вале кордонии онҳо бо он маҳдуд мешуд, ки онҳо ба дигарон мегуфтанд, ки онҳо бояд чӣ кунанд. Худи онҳо инро дар амал истифода намебурданд. Яке аз шариатдонон тезии фошкунандаи суханони Исоро ҳис намуд ва ба Ӯ хотиррасон кард, ки фарисиёнро танқид карда, Ӯ ҳамчунин мутахассисон-шариатдононро ранҷонд.

**11,46** Худованд аз ин фурсат истифода бурд, то баъзе гуноҳҳои шариатдононро

нишон диҳад. Пеш аз ҳама, онҳо одамонро бо ҳар гуна *борҳои* шариат фишор медоданд, вале барои бардоштани ин *бор* ба онҳо ёрӣ намедоданд. Келлӣ мегӯяд: «Онҳо бо нафрат ба он одамоне ки аҳамияту эътиборашон бар онҳо барпо карда мешуд, машҳур буданд».[36] Бисёр қоидаҳои онҳо аз тарафи одамон муқаррар шуда буданд ва ба масъалаҳое дахлдор буданд, ки аҳамияти воқеӣ надоштанд.

**11,47-48** Шариатдонон кушандагони дурӯя буданд. Онҳо чунин вонамуд мекарданд, ки аз пайғамбарони Худо ба ваҷд меоянд. Онҳо ҳатто то ба он дараҷа мерасиданд, ки дар *мақбараҳои пайғамбарони* Аҳди Қадим обидаҳо мегузоштанд. Бешубҳа, онҳо инро далели эҳтироми амиқ меҳисобиданд, вале Худованд Исо дар бораи дигар чиз медонист. Зоҳиран онҳо аз пешгузаштагони яҳудии худ, ки пайғамбаронро *куштанд,* дур шуда буданд, аммо дар амал аз пайи онҳо мерафтанд. Дар баробари сохтани мақбара барои пайғамбарон онҳо марги бузургтарин Пайғамбари Худо, Худи Худовандро меандешиданд. Ва онҳо куштани пайғамбарон ва расулони содиқи Худоро давом хоҳанд дод.

**11,49** Ин оятро бо Матто 23,34 муқоиса намуда мо мебинем, ки *ҳикмати Худо* – Худи Исост. Дар ин ҷо Ӯ суханони *ҳикмати Худоро* меоварад, ки он гуфтааст: «Ба *наздашон пайғамбарон мефиристам*». Дар Инҷили Матто Ӯ инро чун иқтибос аз Аҳди Қадим ё ягон сарчашмаи дигар намеоварад, балки фақат чун суханони Худ баён мекунад. (Ниг. ҳамчунин 1Қур. 1,30, ки дар он ҷо дар бораи Масеҳ чун дар бораи ҳикмат гуфта мешавад.) Худованд Исо ваъда дод, ки *пайғамбарон ва расулонро* ба одамони ҳамзамони онҳо *мефиристад,* онҳо бошанд онҳоро хоҳанд *кушт ва таъқиб* хоҳанд кард.

**11,50-51** Ӯ *хуни тамоми* онҳоеро, ки дар бораи Худо шаҳодат медиҳанд, аз аввалин ҳодисаи дар Аҳди Қадим навишташуда, яъне аз *Ҳобил* сар карда, то ҳодисаи охирин, яъне *Закарё, ки дар миёни қурбонгоҳ ва ибодатгоҳ кушта шудааст, аз ин насл* талаб хоҳад кард. (2Вақ. 24,21). Китоби дуюми Вақоеъномa дар рӯйхати китобҳои Аҳди Қадими яҳудӣ китоби охирин буд. Яъне, Худованд Исо *Ҳобил ва Закарёро* ёдовар шуда, тамоми силсилаи риёзаткашонро дохил намуд. Ин суханонро баён намуда, Ӯ хуб медонист, ки насли он вақт мезиста тамоми таъқиботи пешинаи худро ба мардони Худо ба авҷи даҳшатноктарин расонида, Ӯро ба марг дар салиб хоҳад супурд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ки онҳо Ӯро мекушанд, *хуни ҳамаи* дар замони пеш кушташудагон ба гардани онҳо меафтад.

**11,52** Ва ниҳоят, Худованд Исо *шариатдононро* дар он гуноҳкор кард, ки онҳо *калиди фаҳмишро гирифтанд,* яъне аз халқ Каломи Худоро кашида гирифтанд. Ҳарчанд зоҳиран онҳо садоқат ба Навиштаи Муқаддасро пайравӣ мекарданд, бо вуҷуди ин онҳо Шахсеро, ки Навишта дар бораи Ӯ гуфтааст, якравона қабул кардан намехостанд. Ва онҳо барои ба назди Масеҳ омадани дигарон *монеъ мешуданд*. Онҳо худашон хоҳони Ӯ набуданд ва намехостанд, ки дигарон Ӯро қабул намоянд.

### Л. Ҷавоби китобдонон ва фарисиён (11,53-54)

**11,53-54** Китобдонон ва фарисиён аз гуноҳкоркунии рӯйрости Худованд ҳақиқатан ба ғазаб омаданд. Онҳо *ба Ӯ сахт фишор оварда,* кӯшиши зиёде намуданд, ки Ӯро дар сухан ғофилгир кунанд. Бо ҳар гуна ҳилаву найранг онҳо мекӯшиданд аз даҳони Ӯ *чизе шунида,* Ӯро айбдор кунанд ва ба марг маҳкум намоянд. Онҳо бо чунин рафтор фақат исбот мекарданд, ки Ӯ хислати онҳоро бо чӣ гуна аниқӣ фаҳмид.

## VIII. ТАЪЛИМ ВА ШИФО ДОДАН ДАР РОҲ БА УРШАЛИМ (Б. 12–16)

### А. Огоҳонидан ва дилбардорӣ (12,1-12)

**12,1** Ҳангоме ки Исо фарисиён ва шариатдононро маҳкум мекард, *ҳазорон одамон ҷамъ омаданд.* Низоъ ё баҳс одатан одамони зиёдро ҷалб менамояд, вале ин тӯда, бешубҳа, барои он ҷамъ омад, ки ин пешвоёни дурӯяи диниро бебокона гуноҳкор кардани Исо онро ҷалб намуд. Ҳарчанд муносибати бегузашт ба гуноҳ на ҳама вақт маъқул мешавад, ба ҳар ҳол он бо адолати худ ба дили одам таъсир мерасонад. Ҳақиқат ҳамеша худро тасдиқ мекунад. Ба *шогирдони Худ* муроҷиат намуда Исо гуфт: *«Аз хамиртуруши фарисиён ҳазар кунед»*. Ӯ фаҳмонд, ки хамиртуруш – рамз ё тимсоли *дурӯягист.* Дурӯя он шахсест, ки ниқоб мепӯшад,

намуди зоҳирии вай аз он чи дар ботин ҳаст, бениҳоят фарқ мекунад. Фарисиён худро чун намунаи некӯкории комил муаррифӣ менамуданд, вале дар амал онҳо устодони вонамудкунӣ буданд.

**12,2-3** Вале рӯзи фошкунӣ хоҳад омад. Ҳамаи он чизе ки онҳо *пинҳон* медоштанд, ошкор хоҳад шуд ва ҳамаи он корҳое ки онҳо *дар торикӣ* карда буданд, *ба рӯшноӣ* бароварда хоҳад шуд.

Ғалабаи ҳақиқат ба монанди фошкунии дурӯягӣ ҳамчунин ногузир хоҳад буд. То ба ин вақт сухане ки шогирдон эълон мекарданд, на он қадар равшан буд ва барои шунавандагони маҳдуд гуфта мешуд. Вале баъди аз тарафи Исроил рад карда шудани Масеҳ ва омадани Рӯҳулқудс шогирдон нотарсона ба номи Худованд Исо ба пеш хоҳанд рафт ва дар ҳама ҷо Хушхабарро эълон хоҳанд кард. Баъд, ба таври маҷозӣ гӯем, Калом *дар болои боми* хонаҳо *эълон карда мешавад*. Годет мегӯяд: «Шахсоне, ки овозашон алҳол ба ғайр аз доираҳои маҳдуд ва ниҳонӣ шунавандаро ёфта наметавонад, дар оянда тамоми ҷаҳонро таълим хоҳанд дод».[37]

**12,4-5** Бо суханони рӯҳбаландкунанда ва самимона «Эй *дӯстонам»,* Исо огоҳӣ медиҳад, ки шогирдони Ӯ дар ҳеҷ як озмоиш аз ин дӯстии бебаҳо шарм надоранд. Эълони хабар дар бораи Масеҳ дар тамоми ҷаҳон аз пайи худ таъқибот ва марги шогирдони содиқро ба вуҷуд меоварад. Вале дар он чи ба онҳо чунин одамон ба монанди фарисиён карда метавонанд, ҳудуде ҳаст. Ин ҳудуд – марги ҷисмонист. Онҳо набояд аз он тарсанд. Худо ба таъқибкунандагони онҳо бо ҷазои аз ин ҳам бад хоҳад омад, маҳз бо маҳкумкунӣ ба марги ҷовидона дар *дӯзах*. Яъне, шогирдон на аз одам, балки аз Худо бояд *тарсанд*.

**12,6-7** Худованд Исо ғамхории Падарро дар ҳаққи *гунҷишкҳо* ёдовар шуд, то ки хоҳиши Худоро ба ҳимоя кардани шогирдон таъкид намояд. Дар Матто 10,29 мо мехонем, ки ду гунҷишк ба як танга фурӯхта мешаванд. Дар ин ҷо мо мефаҳмем, ки *панҷ гунҷишк ба ду танга фурӯхта мешаванд*. Ба ибораи дигар, агар чор гунҷишк харида шавад, яктои дигарро бар илова медиҳанд. Вале ҳатто ин гунҷишки иловагӣ, ки арзиши савдоӣ надорад, дар назари *Худо* фаромӯш нашудааст. Агар Худо дар бораи ин гунҷишки хурд ғамхорӣ намояд, пас чӣ андоза зиёд Ӯ онҳоеро муҳофизат менамояд, ки бо Хушхабари Писари Ӯ ба пеш меравад! Ҳатто *ҳамаи мӯйҳои сари* онҳо *шумурда шудаанд*.

**12,8** Наҷотдиҳанда ба шогирдон гуфт, ки *ҳар кӣ* Ӯро дар назди мардум *эътироф кунад*, *Ӯ дар назди фариштаҳои Худо* эътироф хоҳад кард. Дар ин ҷо Ӯ дар бораи тамоми имондорони ҳақиқӣ сухан меронад. Эътирофи Ӯ – Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи ягона қабул намудан аст.

**12,9** Ҳар кӣ Ӯро *дар назди одамон* инкор кунад, *вай назди фариштаҳо инкор карда мешавад*. Чунин менамояд, ки дар ин ҷо Ӯ дар навбати аввал ба фарисиён ишора мекунад, вале ин оят, албатта, ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки аз Масеҳ рӯ мегардонанд ва аз эътироф кардани Ӯ шарм медоранд. Дар он рӯз Ӯ ба чунин одамон мегӯяд: «Ман ҳеҷ гоҳ шуморо намедонистам».

**12,10** Баъд Наҷотдиҳанда ба шогирдон фаҳмонд, ки байни Ӯро танқид кардан ва *бар зидди Рӯҳулқудс куфр гуфтан* фарқ ҳаст. *Ҳар кӣ бар зидди Писари Одам сухане гӯяд, бахшида мешавад,* агар тавба кунад ва имон оварад. Вале *бар зидди Рӯҳулқудс куфр гуфтан* – гуноҳи нобахшиданист. Ин гуноҳест, ки дар он фарисиён гуноҳкоранд (ниг. Мат. 12,22-32). Ин чӣ гуна гуноҳ аст? Ин гуноҳ ба шайтон нисбат додани муъҷизаҳои Худованд Исо буд. Ин бадгӯӣ *ба Рӯҳулқудс* мебошад, зеро ки Исо ҳамаи муъҷизаҳои Худро бо қудрати Рӯҳулқудс ба амал меовард. Яъне, онҳо мегуфтанд, ки Рӯҳулқудси Худо иблис аст. Барои ин гуноҳ на дар ин замон, на дар замони оянда бахшидашавӣ нест.

Имондорони ҳақиқӣ чунин гуноҳро содир карда наметавонанд, ҳарчанд баъзеҳоро тарсе азоб медиҳад, ки онҳо вақти аз имон бероҳа шудан онро ба амал овардаанд. Аз имон бероҳа шудан гуноҳи нобахшиданӣ нест. Муносибатҳои шахси аз имон бероҳашударо бо Худованд аз нав барқарор кардан мумкин аст. Худи он далел, ки одам ғам мехӯрад, исбот менамояд, ки вай гуноҳи нобахшиданӣ накардааст.

Ҳамчунин инкори Масеҳ барои беимонон гуноҳи нобахшиданӣ намебошад. Одам ба Наҷотдиҳанда чандин маротиба дард оварда ҳам, баъд ба назди Худованд омада, тавба карданаш мумкин аст. Албатта, агар ӯ дар

беимонӣ бимирад, пас аллакай наҷот ба даст оварда наметавонад. Он гоҳ гуноҳи ӯ ҳақиқатан нобахшиданӣ мешавад. Вале гуноҳе ки онро Худованди мо нобахшиданӣ номидааст, – гуноҳест, ки фарисиён ба амал овардаанд. Онҳо мегуфтанд, ки Ӯ муъҷизаҳои Худро бо қувваи Баал-Забул, ҳокими девҳо, ба амал меовард.

**12,11-12** Шогирдон ногузир ба доварӣ *дар назди сардорон ва ҳокимон* кашида хоҳанд шуд. Вале Худованд Исо гуфт, ки онҳо набояд пешакӣ машқ кунанд, *ки чӣ ҷавоб медиҳанд. Рӯҳулқудс* ҳангоми зарурат суханони мувофиқро ба забони онҳо мегузорад. Ин онро ифода намекунад, ки хизматгорони Худованд набояд вақтро дар дуо ва омӯзиш гузаронанд, пеш аз он ки Инҷилро мавъиза намоянд ё Каломи Худоро таълим диҳанд. Ваъдаи зеринро чун баҳона барои танбалӣ истифода бурдан мумкин нест! Вале дар ин ҷо Худованд аниқ ваъда медиҳад, ки онҳое ки барои шаҳодаташон дар бораи Масеҳ ба доварӣ кашида мешаванд, аз Рӯҳулқудс ёрии махсус мегиранд. Ва ин ваъдаи умумӣ ба тамоми мардуми Худост: агар онҳо дар Рӯҳ гарданд, пас ба онҳо гуфта хоҳад шуд, ки маҳз чӣ гуна суханонро дар лаҳзаҳои бӯҳронии зиндагӣ гӯянд.

### Б. Огоҳонидан бар зидди ҳарисӣ (12,13-21)

**12,13** Дар ин лаҳза *шахсе аз миёни мардум* баромада, аз Худованд хоҳиш кард, ки баҳси байни вай ва *бародарашро* дар бораи *мерос* ҳал намояд. Аксаран мегӯянд: Дар он ҷое ки васиятнома ҳаст, дар он ҷо хешон зиёданд. Чунин менамояд, ин маҳз чунин ҳодиса мебошад. Ба мо гуфта нашудааст, ки оё ин шахс ҳақиқатан аз қисме ки насиби вай буд, маҳрум шудааст, ё аз боиси хасисӣ мехост зиёдтар аз он чи бояд мегирифт, ба даст оварад.

**12,14** Наҷотдиҳанда дарҳол ба ӯ ёдрас кард, ки Ӯ ба ин ҷаҳон барои ҳалли чунин масъалаҳои маишӣ наомадааст. Мақсади омадани Ӯ – мардон ва занони гуноҳкорро наҷот додан аст. Ӯ аз вазифаи бузург ва пуршукӯҳ ба тарафи дигар ҷалб шудан намехост, то ки мероси ночизро тақсим кунад. (Ба ғайр аз ин, Ӯ ҳуқуқи қонунии доварӣ кардан оид ба масъалаҳои моликиятро надошт. Қарорҳои Ӯ хусусияти ҳатмии қонунӣ надоштанд.)

**12,15** Вале Худованд ин ҳодисаро барои он истифода бурд, то ки шунавандагони Худро зидди яке аз маккортарин балоҳо дар дили одам – *ҳарисӣ* эҳтиёт намояд. Шавқи ҳарисонаи ғункунии неъматҳои моддӣ – яке аз қувваҳои пуриқтидори пешбарандаи ҳаёт мебошад. Валекин ғункунӣ комилан бо мақсади мавҷудияти одамӣ мувофиқат намекунад. «*Зеро ки ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест*». Ҷ. Р. Миллер қайд мекунад:

*Ин яке аз байрақчаҳои огоҳӣ аст, ки онро Худованди мо мегузорад ва онро аксари одамони замони мо, чунон ки метобад, на он қадар пай мебаранд. Масеҳ оид ба хатари сарват бисёр гуфта буд, вале кам касон аз сарват метарсанд. Ҳарисӣ дар замони ҳозира амалан гуноҳ ба ҳисоб намеравад. Агар одам фармудаи шашум ё ҳаштумро вайрон кунад, ӯро ҷинояткор меҳисобанд ва ӯро шармсор мекунанд; вале ӯ метавонад фармудаи даҳумро вайрон кунад, ва ин танҳо соҳибкорӣ ҳисобида мешавад. Навиштаи Муқаддас мегӯяд, ки муҳаббат ба пул – решаи ҳамаи бадиҳост; вале ҳар касе ки ин суханонро иқтибос меоварад, ба калимаи «муҳаббат» задаи даҳшатнок карда, шарҳ медиҳад, ки на пул, балки танҳо муҳаббат ба онҳо чунин реша аст.*

*Ба атроф нигоҳ карда, одам ба қароре омада метавонад, ки маънои зиндагӣ ба ҳар ҳол дар фаровонии мулк аст. Одамон фикр мекунанд, ки бузургии онҳо ба молу давлати андӯхта мутаносиб мебошад. Чунин менамояд, ки ин дуруст аст, зеро ҷаҳон одамонро бо бузургии сарҳисоби бонкии онҳо андоза мекунад. Вале ҳеҷ гоҳ зиёда аз ин гумроҳии ноилоҷ набуд. Дар ҳақиқат одам бо он андоза карда мешавад, ки ӯ худ кист, на бо он, ки ӯ чиро дорост.*[38]

**12,16-18** *Масал* дар бораи *сарватманди* беақл он далелро нишон медиҳад, ки молу мулк дар зиндагӣ чизи асосӣ *нест.* Одами сарватманд ҳосили беандоза зиёд ҷамъ овард. Дар айни ҳол мушкилие ба вуҷуд омад, ки вай аз боиси он хеле ғамгин шуд. Ӯ намедонист, ки бо тамоми ғаллаи ғункардааш чӣ кор кунад. Ҳамаи анборҳои вай лаболаб пур буданд. Вале баъд ӯ илоҷашро ёфт. Мушкилӣ ҳал карда шуд. Ӯ *анборҳои худро вайрон мекунад* ва боз ҳам калонтарашро *месозад.* Ӯ метавонист худро аз хароҷот ва ташвиши сохтани ин сохтмонҳои

бузург озод созад, агар ба ҷаҳони муҳтоҷи атрофи худ менигарист ва ин сарватҳоро барои қонеъ кардани гуруснагии рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ истифода мебурд. «Оғӯши бенавоён, хонаҳои бевазанон, даҳони кӯдакон – ин он анборҳоеанд, ки ҳамеша хоҳанд буд» – гуфтааст Амброзиюс.

**12,19** Баъди ба итмом расидани сохтмони анборҳои нав вай нақшаи ба осоиш рафтанро кашида буд. Ба рӯҳияи мустақилии ба вай хос таваҷҷуҳ намоед: анборҳои_ман, ҳосили ман, молу мулки ман, ҷони ман. Ӯ тамомиояндаи худро ба нақша гирифт. Ӯ зиндагонии осуда гузаронидани буд: осуда бош, бихӯр, бинӯш, шодӣ бикун.

**12,20-21** «Вале, ҳангоме ки вай дар бораи вақт чун аз они худ фикр карданро сар кард, он гоҳ, барои ҳалокати абадии худ, бо Худо дучор шуд». *Худо ба ӯ гуфт,* ки вай худи ҳамин *шаб* мемирад. Яъне, вай ҳуқуқро ба тамоми молу мулки моддии худ гум мекунад. Он ба ягон каси дигар мерасад. Касе гуфтааст, ки беақл касест, ки нақшаҳояш дар назди қабр ба охир мерасанд. Ин одам ҳақиқатан беақл буд.

*«Пас он чи захира кардӣ, насиби кӣ мешавад?»* – пурсид *Худо.* Мо айнан ҳамин хел ба худ ин саволро дода метавонем: «Агар Масеҳ ҳозир меомада бошад, тамоми молу мулки ман насиби кӣ мешавад?» Онро имрӯз барои Худо истифода бурдан чӣ андоза беҳтар аст, нисбат ба он ки пагоҳ ба дасти иблис афтодани он роҳ дода шавад! Бо ёрии молу мулки худ мо ҳозир дар осмон *ганҷ* ғун карда метавонем ва ба ҳамин тариқ *пеши Худо сарватманд* шавем. Ё мо метавонем онро ба ҷисми худ сарф кунем, ва аз ҷисм фаношавиро ҳосил кунем.

## В. Ғамхорӣ дар муқобили имон (12,22-34)

**12,22-23** Яке аз бузургтарин хатарҳо дар зиндагонии масеҳӣ аз он иборат аст, ки ба даст овардани хӯрок ва либос мақсади аввалин ва асосии мавҷудияти мо мегардад. Мо ба андозае бо пул кор кардан ба ҳамаи ин машғул мешавем, ки меҳнати Худованд ба навбати дуюм мавқуф гузошта мешавад. Дар Аҳди Нав таъкид карда мешавад, ки кори Масеҳ дар зиндагии мо бояд ҷои аввалро ишғол намояд. *Хӯрок* ва *либос* бояд дар ҷои дуюм бошад. Мо барои таъмини талаботи зарурии худ бояд монда нашуда меҳнат кунем ва баъд худро барои хизмат ба Ӯ пешниҳод намуда ояндаи худро ба ихтиёри Худо супорем. Зиндагӣ аз рӯи имон дар ҳамин аст.

Вақте Худованд Исо гуфт, ки мо бояд дар бораи хӯрок ва либос *ғамхорӣ* на*кунем,* Ӯ дар назар надошт, ки мо бояд бекор шинем ва интизор шавем, ки ҳамаи ин ба мо оварда мешавад. Масеҳият ба танбалӣ даъват намекунад! Вале Ӯ, бешубҳа, дар назар дошт, ки барои эҳтиёҷоти зиндагӣ пул кор карда, мо набояд роҳ диҳем, ки онҳо барои мо аҳамияти аз ҳад зиёд пайдо кунанд. Охир дар зиндагӣ, назар ба он чи мо *мехӯрем* ё он чи мепӯшем, чизи муҳимтаре ҳаст. Дар ин ҷо мо фиристодагони Подшоҳ мебошем ва ҳамаи мулоҳизаҳои роҳати шахсӣ ва намуди зоҳирӣ бояд ба як масъалаи пуршараф тобеъ бошанд: дар бораи Ӯ хабар додан.

**12,24** Исо *зоғонро* чун намунаи ғамхории *Худо* дар бораи офариниши Худ истифода бурд. Онҳо ҳаёти худро дар талоши аз ҳад зиёд барои хӯрок ва таъмини талаботҳои минбаъдаи худ намегузаронанд. Онҳо дар вобастагии ҳарсоата ба Худо зиндагӣ мекунанд. Он далел, ки *онҳо на мекоранд, на медараванд,* набояд то таълим дар бораи он васеъ карда шавад, ки одамон бояд аз машғулиятҳои ҳаётӣ парҳез кунанд. Маънои ҳақиқии он чунин аст: Худо дар бораи эҳтиёҷоти офаридаҳои Худ медонад ва агар мо дар вобастагӣ ба Ӯ қадамгузор бошем, Ӯ ин эҳтиёҷотро қонеъ мекунад. Агар *Худо* ба зоғон *рӯзӣ мерасонда бошад,* пас Ӯ ба офаридаҳои Худ, ки онҳоро аз рӯи файзи Худ наҷот дод ва ба хизмат ба Худ даъват намуд, чӣ андоза зиёдтар ризқу рӯзӣ мерасонад. Зоғон на анбор доранд, на хирман, бо вуҷуди ин Худо онҳоро ҳар рӯз таъмин мекунад. Пас чаро мо ҳаёти худро дар бунёд намудани хирман ва анборҳои калон гузаронем?

**12,25-26** *«Ва кист аз шумо, ки бо ғамхории худ умрашро як соат дарозтар карда тавонад?»* – пурсид Исо. Ин ба беҳудагии ғамхорӣ дар бораи он чи дар ҳукми мо нест (масалан, дар бораи оянда), ишорат менамояд. Ҳеҷ кас *ғамхорӣ карда,* қоматашро *баланд карда наметавонад* ё умри худро дароз карда наметавонад. (Дар тарҷумаи дигар *«бо ғамхории худ қоматашро як оринҷ баланд карда тавонад»* гуфта шудааст, зеро калимаи «қоматаш»-ро

«давомнокии умри худ» тарҷума кардан мумкин аст.) Агар ин тавр бошад, пас дар бораи оянда ғамхорӣ кардан чӣ лозим? Биёед ба ҷои ин тамоми қувва ва вақти худро барои хизмат ба Масеҳ истифода мебарем, ояндаро бошад ба Ӯ вогузор мекунем.

**12,27-28** Сипас дар бораи *савсанҳо* гуфта мешавад. Ин мисол намоиш медиҳад, ки беҳтарин истеъдодҳои одамро барои ба даст овардани *либос* истифода бурдан беҳуда аст. *Савсанҳо,* эҳтимол, гулҳои шақоиқи сурхи ёбоӣ мебошанд. *Онҳо на меҳнат мекунанд ва на мересанд,* ва бо вуҷуди ин зебоии табиӣ доранд, ки он *бо тамоми шукӯҳи Сулаймон* рақобат мекунад. *Агар Худо* гулҳоеро, ки *имрӯз* мешукуфанд ва пагоҳ ба оташ партофта мешаванд, бо чунин зебоӣ оро медода бошад, пас магар Ӯ эҳтиёҷоти фарзандони Худро аз мадди назар дур мекунад? Мо худ чун *сустимонҳо* рафтор менамоем, вақте ки ташвиш мекашем, ғам мехӯрем ва дар муборизаи беохир талош мекунем, то ки боз ҳам зиёдтар ва зиёдтар молу мулки моддӣ ба даст оварем. Мо ҳаёти худро барои он чизҳое сарф мекунем, ки Худо ба мо дода метавонист, агар мо вақт ва истеъдоди худро ба Ӯ боз бештар мебахшидем.

**12,29-31** Дар асл эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи мо зиёд нестанд. Ҳайратовар аст, ки мо чӣ андоза одӣ зиндагӣ карда метавонем. Пас чаро ба хӯрок ва либос дар зиндагии худ чунин ҷои намоёнро диҳем? Пас чаро дар бораи оянда *ғам* хӯрем? Одамони наҷотнаёфта чунин зиндагӣ мекунанд. Диққати *халқҳои* ин *ҷаҳон,* ки онҳо Худоро чун Падари Худ намедонанд, ба хӯрок, либос ва ҳузуру ҳаловат нигаронида шудааст. Ҳамаи ин маркази асосии доираи мавҷудияти онҳоро ташкил медиҳад. Вале Худо ҳеҷ гоҳ пешакӣ дар назар надошт, то фарзандони Ӯ вақти худро дар талоши девонавор аз паси роҳат гузаронанд. Ӯ меҳнате дорад, ки онро дар замин ба амал овардан лозим аст ва Ӯ дар ҳаққи онҳое ки худро бо тамоми дилу ҷон ба Ӯ бахшидаанд, ғамхорӣ намуданро ваъда дод. Агар мо *дар пайи Подшоҳии Ӯ бошем,* Ӯ ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳад, ки мо гурусна ё бараҳна монем. Чӣ андоза андӯҳовар хоҳад буд, ки ба охири умр расида, дарёбем, ки қисми зиёди вақти мо ба меҳнати ғуломона баҳри он чи аллакай ба арзиши чиптаи бозгашт ба хона дар осмон дохил мешавад, сарф карда шудааст!

**12,32** Шогирдон *рамаи хурди* гӯсфандони бепушту панохро ташкил мекарданд, ки ба ҷаҳони хусуматомез фиристода шудаанд. Онҳо ҳақиқатан ҳеҷ гуна воситаҳои намоёни таъминот ва ҳимоя надоштанд. Вале ба ин гурӯҳи ночизи ҷавонон пешакӣ муқаррар гардида буд, ки *Подшоҳиро* бо Масеҳ мерос гиранд. Онҳо замоне дар тамоми замин бо Ӯ ҳукмронӣ хоҳанд кард. Бо ин мақсад Худованд онҳоро даъват менамояд, ки *натарсанд,* зеро ки агар *Падар* барои онҳо чунин иззату эҳтироми пуршукӯҳро тайёр карда бошад, пас дар бораи роҳи мобайнӣ ғам хӯрдани онҳо лозим нест.

**12,33-34** Ба ҷои ҷамъоварии неъмати моддӣ ва нақша кашидан барои ин замон, онҳо ин моликиятро ба кори Худованд истифода бурда метавонанд. Ба ҳамин тариқ, саҳми онҳо барои осмон ва барои абадият мешуд. Амали харобиовари вақт ба моликияти онҳо зарар намерасонд. Ганҷҳои осмонӣ пурра аз duздӣ ва вайроншавӣ эмин мебуданд. Масъала аз он иборат аст, ки одам ба он умед набаста ҳамту сарвати моддиро доро буда наметавонад. Ана чаро Исои Масеҳ гуфт: *«Зеро ҳар ҷо ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд»?* Агар мо пулҳои худро ба оянда равона карда бошем, он гоҳ дилбастагиҳои мо аз тамоми чизҳои фонӣ дар ин ҷаҳон ҷудо мешаванд.

## Г. Масал дар бораи ғуломи бедор (12,35-40)

**12,35** Шогирдон на танҳо дар ҳама чизе ки ба эҳтиёҷоти онҳо дахл дорад, ба Худованд бояд бовар кунанд, балки онҳо бояд дар интизории доимии дуюмбора омадани Ӯ зиндагӣ кунанд. *Камарҳошон* бояд *баста ва чароғҳошон фурӯзон* бошад. Дар кишварҳои Шарқ одамон камарҳояшонро мебастанд, то ки вақте тез гаштан ё давидан лозим меомад, либоси дарозу овезонро банданд. Бо камарбанд камар бастан дар бораи вазифае мегӯяд, ки онро ба амал овардан лозим аст, чароғи фурӯзон бошад аз эълони шаҳодат дарак медиҳад.

**12,36** Шогирдон бояд дар интизории ҳарлаҳзаинаи баргаштани Худованд умр ба сар баранд, чунон ки гӯё Ӯ одаме бошад, ки аз *базми арӯсӣ* бармегардад. Келлӣ шарҳ медиҳад:

*Онҳо аз бори гарони заминӣ бояд озод бошанд, то дар лаҳзае ки Худованд дарро мекӯбад, чунон ки дар ин мисол аст, онҳо ба Ӯ дарҳол дарро кушода тавонанд – бе монеа ва тайёрӣ дидан. Дилҳои онҳо Ӯро, Худованди онҳоро, интизоранд; онҳо Ӯро дӯст медоранд ва тайёранд пешвоз гиранд. Ӯ дарро мекӯбад ва онҳо дарҳол ба Ӯ дарро мекушоянд.*[39]

Тафсилоти қиссаи одамеро, ки *аз базми арӯсӣ* бармегардад, аз он ояндаи пайғамбарона бароварда, махсус маънидод кардан лозим нест. Мо набояд базми арӯсии ин ҷо зикршударо бо шоми арӯсии Барра, ё баргаштани одамро бо Болошавии Калисо монанд кунем. Ҳикояти Худованд барои омӯзондани маҳз як ҳақиқати одӣ муқаррар шудааст: мо бояд баргаштани Ӯро ҳушёрона интизор бошем. Ин на барои он нақл карда шудааст, ки тартиби ҳодисаҳо дар вақти омадани Ӯ муқаррар карда шавад.

**12,37** Вақте хоҷа аз базми арӯсӣ бармегардад, *ғуломон* намехобанд, балки ӯро интизор мешаванд, то баробари пайдо шудани ӯ ба кор шуруъ кунанд. Ӯ аз бедории онҳо чунон розӣ аст, ки Ӯ худаш тайёр аст ба онҳо хизмат кунад. *Ӯ* бо пешгирак *камари худро баста,* онҳоро назди дастурхон менишонад ва ба онҳо хизмат карда, хӯрок медиҳад. Ин ёдраскунии хеле таъсирбахш мебошад дар бораи Он Шахсе ки боре ба ин ҷаҳон ба намуди Ғулом омад ва Оне ки ба халқи Худ меҳрубонона марҳамат намуда, аз нав ба ӯ дар хонаи осмонӣ хизмат хоҳад намуд. Муҳаққиқи худотарси олмонии Навишта Бенгел ояти 37-ро чун ваъдаи бузургтарин дар тамоми Каломи Худо меҳисобад.

**12,38** *Поси дуюми* шаб аз соати нӯҳи бегоҳ то нисфи шаб давом мекард. Поси *сеюм* – аз нисфи шаб то соати сеи субҳ. Новобаста ба он ки хоҷа дар поси чандум бармегардад, *ғуломон* дар интизорӣ бударад.

**12,39-40** Худованд мисоли соҳиби хонаеро, ки ба он ногаҳон дузд даромад, оварда, лавҳаро тағйир медиҳад. Омадани *дузд* комилан ногаҳонӣ буд. *Агар соҳиби хона медонист, намегузошт, ки девори хонаашро сӯрох кунанд.* Ин ҷо дарси ибрат дар он аст, ки вақти омадани Масеҳ номаълум аст: на рӯз, на соати омадани Ӯро ҳеҷ кас намедонад. Ниҳоят вақте ки Ӯ меояд, он имондороне ки дар замин ганҷ ғун мекарданд, онҳоро гум мекунанд. Бинобар ин касе гуфтааст: «Масеҳӣ ё сарвати худро тарк мекунад, ё ба назди он меравад». Агар мо ҳақиқатан дар интизори баргаштани Масеҳ бедор бошем, пас ҳамаи он чи дорем, мефурӯшем ва ганҷҳоро ба осмонҳо мегузорем, ки дар он ҷо ҳеҷ гуна дузд гирифта наметавонад.

## Ғ. Ғуломони муътамад ва беэътимод (12,41-48)

**12,41-42** Дар ин вақт *Петрус* пурсид, ки *масали* Масеҳ дар бораи интизории ҳушёрона ба кӣ ирсол шудааст: фақат ба шогирдон ё ба *ҳамаи* одамон. Худованд ҷавоб дод, ки вай барои ҳамаи онҳоест, ки худро амалдори Худо эътироф менамоянд. *Амалдори бовафо ва доно* касест, ки бар хизматгорони хоҷааш таъйин шудааст ва ба одамони ӯ *хӯрок* тақсим мекунад. Масъулияти асосии гумошта дар ин ҷо на ба чизҳои моддӣ, балки ба одамон дахл дорад. Ин ба тамоми матн мувофиқат мекунад, ки дар он Исо шогирдонро бар зидди чизпарастӣ ва тамаъ меогоҳонад. Одамон муҳиманд, на чизҳо.

**12,43-44** Вақте Худованд *меояд* ва дармеёбад, ки ғуломи Ӯ ба осудаҳолии рӯҳонии мардон ва занон шавқи ҳақиқӣ нишон медиҳад, пас ӯро саховатмандона мукофот медиҳад. Мукофотонидан, эҳтимол, бо ҳукмронии якҷоя бо Масеҳ дар давраи Подшоҳии Ҳазорсола алоқаманд аст (1Пет. 5,1-4).

**12,45** Дар ин ҷо *ғулом* мегӯяд, ки барои Масеҳ меҳнат мекунад, вале дар ҳақиқат вай беимон аст. Ба ҷои он ки халқи Худоро хӯрок диҳад, вай онҳоро мезанад, тороҷ мекунад ва ба хотири ҳавою ҳаваси худ умр ба сар мебарад. (Дар ин ҷо, эҳтимол, фарисиён дар назар дошта шудаанд.)

**12,46** Омадани Худованд беимонии ӯро фош менамояд ва ӯ якҷоя бо дигар *хиёнаткорон* ҷазо мебинад. Ифодаи *«ӯро ду пора мекунад»-ро* «ӯро сахт ҷазо медиҳад» тарҷума кардан мумкин аст.

**12,47-48** Дар ин оятҳо принсипи асосии тамоми хизмат пешниҳод карда мешавад. Вай аз он иборат аст, ки имтиёз чӣ андоза зиёд бошад, масъулият ҳамон андоза зиёд мешавад. Барои имондорон ин онро ифода мекунад, ки дар осмонҳо дараҷаҳои мукофотонидан мешаванд. Барои беимонон ин онро ифода мекунад, ки дар дӯзах дараҷаҳои ҷазо мешаванд. Онҳое

ки *хости* Худоро, ки дар Навиштаи Муқаддас нишон дода шудааст, дарк карданд, барои итоат ба он масъулияти бузург доранд. Ба онҳо *бисёр дода шудааст,* аз онҳо *бисёр талаб карда мешавад*. Онҳое ки аз чунин имтиёзи бузург маҳрум буданд, ҳамчунин барои гуноҳҳои худ ҷазо мебинанд, вале ҷазои онҳо чунин сахт намешавад.

## Д. Таъсири омадани аввали Масеҳ (12,49-53)

**12,49** Худованд Исо медонист, ки омадани Ӯ *бар замин* дар ибтидо осоиштагӣ намеоварад. Дар ибтидо ҷудошавиҳо, низоъҳо, таъқибот, хунрезиҳо ба амал меоянд. Ӯ бевосита барои он наомадааст, ки *ба замин* ин намуди *оташро* фурӯд оварад, вале натиҷа ё таъсири омадани Ӯ чунин шуд. Агарчи дар вақти хизмати заминии Ӯ азобу низоъҳо сар шуданд, вале то салиб дили одам комилан фош карда нашуда буд. Худованд медонист, ки ҳамаи ин бояд рӯй диҳад ва мехост, то ки *оташи* таъқибот бар зидди Худи Ӯ ҳарчи зудтар аланга гирад.

**12,50** Ӯ мебоист *таъмиде ёбад*. Ин ба *таъмиди* Ӯ то дами марг дар Ҷолҷолто дахл дорад. Ӯ дар интизории салиб, ки дар он наҷоти инсонияти талафшудаистодаро бояд ба амал меоварd, азоби даҳшатнокро аз сар мегузаронд. Бадномӣ, азоб ва марг – ана хости Падар барои Ӯ, ва Ӯ мекӯшид итоаткорӣ нишон диҳад.

**12,51-53** Ӯ хеле хуб медонист, ки ин дафъа на барои он омадааст, ки *осоиш ба замин* биёрад. Бинобар ин Ӯ шогирдонро огоҳонид, ки одамонеро, ки ба назди Ӯ меоянд, оилаҳои онҳо ба таъқибот дучор мекунанд ва меронанд. Ворид намудани масеҳият ба оилаи одии иборат аз *панҷ* нафар боиси ихтилофот дар оила мегардад. Чун аломати вайронии табиати одамӣ онро бояд зикр кард, ки хешу табoрони гуноҳкор мехоҳанд, ки писари онҳо беҳтараш майзада ё фосиқ бошад, назар ба он ки мавқеи ошкори пайрави Худованд Исои Масеҳро гирад! Ин порча назарияеро рад менамояд, ки Исо барои муттаҳид сохтани тамоми инсоният (тақводорон ва гуноҳкорон) ба ягона «дӯстии умумии одамон» омад. Баръакс, Ӯ онҳоро чунон ҷудо намуд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ пеш аз ин чунин ҷудо набуданд!

## Е. Аломатҳои замон (12,54-59)

**12,54-55** Оятҳои пешина ба шогирдон ирсол шуда буданд. Дар ин ҷо Наҷотдиҳанда ба *мардум* муроҷиат менамояд. Ӯ ба одамон дар бораи қобилияти пешгӯӣ кардани обу ҳаво хотиррасон мекунад. Онҳо медонистанд, ки агар *абр аз ғарб пайдо* шавад (аз баҳри Миёназамин), пас *боронро* бояд интизор шуд. Ва баръакс, *боди ҷанубӣ гармо* ва хушксолӣ меоварад. Одамон барои донистани ҳамаи ин чизҳо фаросати кофӣ доштанд. Вале дар ин ҷо назар ба ақл як чизи зиёдтаре лозим буд. Онҳо хоҳиши фаҳмиданро доштанд.

**12,56** Дар масъалаҳои рӯҳонӣ ҳама чиз дигар хел буд. Ҳарчанд онҳо соҳиби ақли солими одамӣ буданд, онҳо намефаҳмиданд, ки дар таърихи инсоният чӣ *замони* муҳиме даррасид. Писари Худо ба ин замин омад ва дар ин лаҳза дар байни онҳо меистод. Ҳеҷ гоҳ пеш аз ин осмон ба ин андоза наздик наомада буд. Вале онҳо замонеро, ки Худованд барои боздиди онҳо меояд, нафаҳмиданд. Онҳо қобилияти ақлии донистан доштанд, вале хоҳиши донистан надоштанд ва бинобар ин худашонро фиреб медоданд.

**12,57-59** Агар онҳо аҳамияти замонеро, ки дар он мезистанд, дарк мекарданд, он гоҳ бо даъвогари худ ба оштӣ шудан шитоб менамуданд. Дар ин ҷо чор истилоҳи ҳуқуқӣ истифода шудааст – даъвогар, ҳоким, қозӣ, навкар – ва ҳамаи онҳо ба Худо ишора карда метавонанд. Маҳз дар ҳамин замон Худо дар байни онҳо мегашт ва ба онҳо бо зорӣ муроҷиат намуда, ба онҳо имконияти ба даст овардани наҷотро медод. Онҳо бояд тавба карда, умеди худро ба Ӯ бандад. Агар онҳо рад кунанд, пас лозим меояд дар назди Худо чун дар назди Довари Худ истанд. Даъво, албатта, бар зидди онҳо бурда хоҳад шуд. Онҳоро гуноҳкор эътироф менамоянд ва барои беимонӣ маҳкум мекунанд. Онҳо *ба зиндон*, яъне ба маҳкумияти абадӣ партофта мешаванд. Онҳо *то пули охиринро надиҳанд,* намебароянд – яъне онҳо *ҳеҷ гоҳ* намебароянд, зеро ки ҳеҷ гоҳ қарзи ба ин андоза зиёдро пардохта наметавонанд.

Ба ин тариқ, Исо мегуфт, онҳо бояд замонеро, ки дар он зиндагӣ мекунанд, дарк кунанд. Баъд онҳо бояд дар гуноҳҳои худ тавба намуда ва худро дар итоати пурра ба Ӯ бахшида, ба муносибатҳои дуруст бо Худо оянд.

### Ё. Муҳим будани тавба (13,1-5)

**13,1-3** Боби 12 бо он анҷом ёфт, ки халқи яҳудӣ дар кадом вақт зиндагӣ карданашро фарқ карда натавонист, ва Худованд огоҳӣ дод, ки халқ фавран тавба намояд, вагарна ҷовидона ҳалок мешавад. Боби 13 ин мавзуъро давом медиҳад ва умуман ба Исроил ирсол шудааст, ҳарчанд принсипҳои дар он баёншуда ба намояндагони ҷудогонаи халқ ҳам қобили қабул мебошанд. Ду мусибати миллӣ сабаб барои тавба ташкил доданд: Аввалин – куштори *ҷалилиёне* мебошад, ки ба Уршалим барои ибодат омада буданд. *Пилотус*, ҳокими Яҳудо, фармуд, ки вақте ки онҳо *қурбонӣ* мекарданд, онҳоро кушанд. Дар бораи ин ваҳшоният дигар ҳеҷ чиз маълум нест. Мо тахмин менамоем, ки яҳудиёни дар Ҷалил мезиста қурбонӣ гардиданд. Яҳудиён дар Уршалим, шояд, саҳван тахмин мекарданд, ки *ин ҷалилиён* гуноҳҳои даҳшатнок кардаанд ва марги онҳо шаҳодати номеҳрубонии Худост. Вале Худованд Исо дар ин ҷо ислоҳот даровард, яҳудиёнро огоҳонид, ки *агар* тавба накунанд, *ҳамаашон ҳамин тавр нобуд мешаванд.*

**13,4-5** Фоҷиаи дуюм – афтодани *бурҷи Шилӯаҳ,* ки ба марги *ҳаждаҳ одам* оварда расонд. Дар бораи ин ҳодиса, ба ғайр аз чизи дар ин ҷо навишташуда дигар ҳеҷ чиз маълум нест. Вале ҳеҷ гуна тафсилоти дигарро донистанамон ҳам лозим нест. Фикре ки Худованд баён мекунад, чунин аст: Ин фалокатро чун маҳкумкунии махсус барои гуноҳи вазнин фаҳмидан лозим нест. Баръакс, онро чун огоҳӣ ба тамоми халқи Исроил аз назар гузарондан лозим аст, ки агар Ӯ тавба накунад, ба ӯ низ чунин маҳкумкунӣ меафтад. Чунин ҷазо ба сари онҳо соли 70 милодӣ омад, вақте ки Титус ба Уршалим зада даромад.

### Ж. Масал дар бораи дарахти анҷири бемева (13,6-9)

**13,6-9** Баъд Худованд Исои Масеҳ *масалро* дар бораи *дарахти анҷир* гуфта дод, ки бо мавзӯи пешина зич алоқаманд аст. *Дарахти анҷирро* бо Исроил, ки дар *токзори* Худо, яъне дар ҷаҳон, *шинонда* шудааст, монанд кардан душвор нест. Худо дар дарахт *мева* меҷуст, вале *наёфт.* Бинобар ин Ӯ ба *токдор* (ба Худованд Исо) гуфт, ки дар давоми *се сол* аз ин дарахт беҳуда *мева* интизор буд. Шарҳи одитарини ин порча – онро ба се соли аввали хизмати заминии Худованди мо нисбат додан аст. Ба дарахти анҷир вақти хеле зиёд дода шуда буд, то ки мева оварад, агар вай ҳосил доданӣ мебуд. Азбаски дар давоми се сол мева пайдо нагашт, хулосаи мантиқӣ худ аз худ мебароmad, ки он ҳеҷ пайдо намешавад. Азбаски дарахт бемева аст, Худо *буридани* онро фармуд. Вай танҳо *заминеро* ишғол менамуд, ки онро бо манфиати бештар истифода бурдан мумкин буд. Токпарвар тарафи дарахти анҷирро гирифт ва хоҳиш кард, то ки ба вай боз як сол диҳанд. Агар дар охири ин вақт он боз бемева монад, он гоҳ ӯ *онро бурида* метавонад. Ва маҳз ҳамин рӯй дод. Дар аввали соли чоруми хизмати Худованд Исо Исроил Ӯро рад намуд ва маслуб кард. Дар натиҷа пойтахти вай вайрон карда шуд ва аҳолии он паҳну парешон карда шуданд.

Г. Ҳ. Ланг инро чунин ифода намуд:

*Писари Худо ниятҳои Падари Худ, Соҳиби токзорро, ва онро медонист, ки фармони даҳшатангез дода шудааст: «Бибур онро». Исроил пурсабрии Худоро барҳам дод. На мардум, на одами ҷудогона аз ғамхории Худо лаззат бурда наметавонад, агар вай меваи тақводориро баҳри ҷалол ва ҳамди Худо наоварад. Одам барои он зиндагӣ мекунад, ки Худоро ҳамду сано гӯяд ва хурсанд намояд; агар вай ба ин мақсади одилона хизмат накунад, пас аз пайи дар гуноҳ афтодани ӯ ҳукми қатл омада метавонад ва ӯ аз макони имтиёзнокаш маҳрум хоҳад шуд.*[40]

### З. Шифоёбии зани чангакшуда (13,10-17)

**13,10-13** Муносибати ҳақиқии Исроил ба Худованд Исои Масеҳ аз рӯи муносибати сардори куништ аён аст. Ин ходими дин бар зидди он эътироз мекард, ки Наҷотдиҳанда дар рӯзи шанбе занро шифо дод. Ин *зан ҳаждаҳ сол* боз аз каҷшавии сахти сутунмӯҳра азоб мекашид. Ин каҷшавӣ он қадар вазнин буд, ки вай мустақилона *қоматашро рост карда наметавонист.* Ҳатто хоҳиши ёрӣ пурсиданро интизор нашуда, Худованд *Исо* сухани шифобахшандаро ба забон оварd, *дастҳои худро бар вай гузошт* ва сутунмӯҳраи ӯро рост кард.

**13,14** *Сардори куништ* ба ғазаб омада, ба мардум гуфт, ки онҳо бояд барои шифоёбӣ *дар шаш рӯзи аввали* ҳафта биёянд, на ин ки дар рӯзи ҳафтум. Ин ходими мутахассиси дин буд, ки дар бораи мушкилоти халқ бисёр ғам намехӯрд. Ҳатто агар онҳо дар шаш рӯзи аввали ҳафта меомаданд, вай ба онҳо ёрӣ дода наметавонист. Вай нуқтаҳои техникии шариатро дақиқ риоя мекард, вале дар дили ӯ муҳаббат ва шафқат набуд. Агар вай дар давоми ҳаждаҳ сол каҷии сутунмӯҳра медошт, пас аҳамият намедод, ки дар кадом рӯзи ҳафта онро рост мекунанд!

**13,15-16** *Худованд* ӯро ва дигар сардоронро дар дурӯягӣ сарзаниш кард. Ба онҳо хотиррасон кард, ки онҳо андеша накарда, *гов ё хари худро дар рӯзи шанбе аз охур воз карда,* барои об додан мебароранд. Агар онҳо дар рӯзи шанбе чунин ғамхориро барои ҳайвонҳои безабон нишон диҳанд, пас чӣ чиз нодуруст аст дар он ки Исо занро, *духтари Иброҳимро* шифо бахшид? Ифодаи «духтари Иброҳим» ба он ишорат менамояд, ки вай на танҳо яҳудӣ, балки имондори ҳақиқӣ ҳам буд. Каҷии сутунмӯҳраи ӯро *шайтон* карда буд. Аз дигар ҷойҳои Навиштаи Муқаддас мо медонем, ки баъзе бемориҳо натиҷаи амали шайтон аст. Ҷароҳатҳо дар бадани Айюб аз тарафи шайтон ба вуҷуд оварда шуда буданд. «Хор» дар бадани Павлус барои безор кардани ӯ аз тарафи шайтон фиристода шуда буд. Ба ҳар ҳол шайтон ҳамаи инро ба имондорон бе иҷозати Худованд карда наметавонад. Худо бошад бар ҳар гуна чунин бемориӣ ё азобҳо барои ҷалоли Худ роҳбарӣ мекунад.

**13,17** Мунаққидони Худованди мо аз суханони Ӯ фавқулода *дар хиҷолат монданд.* Халқи одӣ бошад аз ин муъҷизаи *аҷоиб шод буд.*

## И. Масалҳои Подшоҳӣ (13,18-21)

**13,18-19** Чунин муъҷизаи аҷоиби шифоёбиро дида, мардум ба он андеша моил шуда метавонистанд, ки Подшоҳӣ ба қарибӣ барқарор карда мешавад. Худованд Исо онҳоро аз гумроҳӣ бароварда, ду масал дар бораи *Подшоҳии Худо* нақл кард, ки онҳо шакли мобайнии Подшоҳиро дар байни вақти рад шудани Подшоҳ ва баргаштани Ӯ ба замин барои ҳукм рондан тасвир менамоянд. Онҳо нашъунамои масеҳиятро инъикос менамоянд ва ҳам эътирофи зоҳирӣ, ҳам имони ҳақиқиро дар бар мегиранд (ниг. қайдҳо ба 8,1-3).

Дар масали аввал Ӯ *Подшоҳии Худоро ба донаи хардал,* ба яке аз донаҳои хурдтарин, монанд кард. Агар он ба замин партофта шавад, аз он бутта мерӯяд, на дарахт. Яъне, аз ин тухмӣ *дарахти калон* рӯид гуфта, Исо қайд намуд, ки чунин инкишоф фавқулода ғайримуқаррарист. Дарахт ба андозае бузург буд, ки *дар шохаҳои он мурғони ҳаво* ошён сохтанд. Дар ин ҷо маънние ниҳон аст, ки масеҳият ба монанди *донаи хардал* ибтидои одӣ, хурдакак дошт. Вале ба андозаи нашъунамо вай боз ҳам машҳуртар мегардид ва ҳамон масеҳияте шуд, ки мо алҳол медонем. Ҳамаи онҳое ки пайрави Худованд будани худро эътироф мекунанд, новобаста ба он ки онҳо аз олами боло зода шудаанд ё не, масеҳӣ мебошанд. *Мурғони ҳаво* – каргасон ё мурғони ваҳшӣ ҳастанд. Онҳо рамзи бадӣ мебошанд ва он далелро инъкос менамоянд, ки масеҳият ҷои истироҳат барои шаклҳои гуногуни фасод гашт.

**13,20-21** Дар масали дуюм Подшоҳии Худо ба *хамиртуруше* монанд карда шуд, ки онро зан ба *се ченак* орд андохт. Мо чунин меҳисобем, ки хамиртуруш дар Навиштаи Муқаддас ҳамеша рамзи бадӣ мебошад. Маънои ин масал чунин аст: Таълимоти бад ба хӯроки поки халқи Худо дохил карда хоҳад шуд. Талимоти бад беҳаракат нест, вай қувваи маккоронаи паҳншавиро дорост.

## Й. Дарвозаи танг ба Подшоҳӣ (13,22-30)

**13,22-23** Вақте ки Исо роҳи Худро ба *Уршалим* равона кард, касе аз халқ ба Ӯ савол дод: «Оё танҳо шумораи каме аз мардум наҷот меёбанд?» Ин саволи беҳудае буда метавонист, ки аз кунҷковии холис ба вуҷуд омадааст.

**13,24** Худованд ба ин саволи назарӣ бо фармони рӯйрост ҷавоб дод. Ӯ ба саволдиҳанда фармуд, то дар хусуси он ғамхорӣ намояд, ки худаш аз *дари танг* дохил шавад. Вақте Исо гуфт: *«Ҷидду ҷаҳд кунед, ки аз дари танг дароед»,* Ӯ дар назар надошт, ки наҷот аз мо саъю кӯшишро металабад. Дар ин ҷо дари танг – зодашавии нав, наҷот бо файз аз рӯи имон аст. Исо ин одамро огоҳ менамуд, то санҷад, ки оё ӯ

ба воситаи ҳамин дарвозаи танг даромад. *«Бисёр касон ба дохил шудан кӯшиш мекунанд, лекин наметавонанд»,* вақте ки дар баста мешавад. Ин асло онро ифода намекунад, ки онҳо ба воситаи сӯи Худо дари бозгашт намудан даромаданӣ мешаванд, балки дар рӯзе ки Масеҳ дар қувват ва ҷалол меояд, онҳо ба Подшоҳии Ӯ даромаданӣ мешаванд, вале хеле дер мешавад. Рӯзи файз ки мо дар он зиндагӣ мекунем, ба охир мерасад.

**13,25-27** *Соҳиби хона бархоста дарро мебандад.* Дар ин ҷо яҳудиён чун касоне тасвир ёфтаанд, ки *дарро мекӯбанд* ва аз Худованд хоҳиш мекунанд, ки дарро кушояд. Ӯ ба онҳо дар он асос рад мекунад, ки ҳеҷ гоҳ онҳоро намедонист. Он гоҳ онҳо эътироз мекунанд ва мегӯянд, ки бо Ӯ муносибатҳои хеле наздик доштанд. Вале ин суханон ба Ӯ таъсир намекунанд. Ҳамаи онҳо *бадкорон ҳастанд* ва ба онҳо иҷозати ворид шудан дода намешавад.

**13,28-30** Рад кардани Ӯ *гиря ва ғиҷирроси дандонҳоро* ба вуҷуд меоварад. Гиря дар бораи пушаймонӣ, ғиҷирроси дандон бошад, дар бораи нафрати сахт ба Худо мегӯяд. Ин онро нишон медиҳад, ки дарди ҷонкоҳи дӯзах дили одамро тағйир намедиҳад. Исроилиёни беимон *Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва тамоми пайғамбаронро* дар Подшоҳии Худо хоҳанд дид. Онҳо худашон ҳам аз боиси хешӣ бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яқуб умед доштанд дар он ҷо бошанд, вале онҳо *бадар ронда* мешаванд. Ғайрияҳудиён аз тамоми гӯшаву канори замин дар рӯшноии Подшоҳии Масеҳ ҷамъ хоҳанд омад ва аз баракатҳои аҷоиби ӯ лаззат хоҳанд бурд. Ҳамин тавр бисёр яҳудиёне ки дар ибтидо ба нақшаи баракати Худо дохил буданд, рад карда мешаванд, дар айни замон ғайрияҳудиён, ки яҳудиён ба онҳо чун ба сагҳо менигаристанд, аз баракати Ҳазорсолаи Подшоҳии Масеҳ лаззат мебаранд.

## Й. Куштори пайғамбарон дар Уршалим (13,31-35)

**13,31** Аз афташ, дар ин вақт Худованд Исо дар сарзамини Ҳиродус буд. *Баъзе аз фарисиён* барои огоҳонидани Ӯ *омаданд,* ки Ҳиродус Ӯро куштан мехоҳад ва хоҳиш карданд, ки *аз он ҷо равад.* Чунин ғамхорӣ дар хусуси офияту бехатарии Исо ба фарисиён тамоман монанд нест. Эҳтимол, онҳо бо Ҳиродус дар суиқасд забон як карданд, то Худовандро тарсонанд ва ӯро ба Уршалим роҳ надиҳанд, ки дар он ҷо, чунон ки онҳо медонистанд, одамон Ӯро хуб пазироӣ мекунанд.

**13,32** Таҳдиди ҷазои ҷисмонӣ Худованди моро дудила накард. Ӯ эътироф намуд, ки аз тарафи Ҳиродус ин суиқасд буд, ва ба фарисиён фармуд, ки баргашта, ба *он рӯбоҳ* хабарро расонанд. Баъзе одамонро он далел нороҳат мекунад, ки Худованд Исо дар бораи Ҳиродус чун дар бораи рӯбоҳи мода (ҷинси занона дар забони асл) сухан меронд. Ба онҳо чунин менамояд, ки ин суханон Навиштаи Муқаддасро вайрон мекунанд, ки он дар ҳаққи сардорон суханони бад гуфтанро манъ мекунад (Хур. 22,28). Вале ин бадгӯӣ набуд, ин ҳақиқати мутлақ буд. Моҳияти суханони Исо аз он иборат буд, ки Ӯ боз як муддати кӯтоҳ коре дошт, ки онро ба амал овардан лозим аст. Ӯ мебоист дар якчанд рӯзе ки барои Ӯ боқӣ монда буд, *девҳоро берун кунад* ва *беморонро шифо диҳад.* Ва баъд *дар рӯзи сеюм,* яъне дар рӯзи охирин, Ӯ меҳнатеро, ки бо хизмати заминии Ӯ робита дорад, ба анҷом мерасонад. Ҳеҷ чиз дар амалӣ намудани вазифааш ба Ӯ мамониат карда наметавонад. Ҳеҷ гуна қувва дар замин ба Ӯ то вақти муқарраршуда зарар расонда наметавонад.

**13,33** Баъдан, Ӯ дар Ҷалил кушта шуда наметавонист, ин имтиёз барои шаҳри Уршалим нигоҳ дошта мешуд. Ин шаҳрест, ки ба он кушторҳи хизматгорони Худои Таоло хос аст. Уршалим ба дараҷаи зиёд ё кам ба куштори мунодиёни Худо ҳуқуқи махсус дошт. Худованд Исо маҳз ҳаминро дар назар дошт, вақте гуфт, *«мумкин нест, ки пайғамбар берун аз Уршалим кушта шавад».*

**13,34-35** Ба ҳамин тариқ дар бораи шаҳри гуноҳкор ҳақиқатро гуфта, Исо ба эҳсосот дода шуда рӯй гардонд ва дар ҳаққи он гиря кард. Ин шаҳре ки *пайғамбаронро мекушад* ва фиристодагони Худоро *сангсор мекунад,* шаҳри дӯстдоштаи Ӯ буд. Чандин бор Ӯ мардуми шаҳрро чун *мокиёне ки чӯҷаҳои худро зери болаш ҷамъ мекунад,* ҷамъ кардан мехост, вале онҳо *нахостанд.* Мушкилӣ дар нахостани якравонаи онҳо буд. Дар натиҷа шаҳри онҳо, парастишгоҳи онҳо ва замини онҳо хоку туроб карда хоҳанд шуд. Онҳо ба давраи дуру дароз дар бадарға мемонанд. Амалан то даме ки онҳо

муносибати худро ба Ӯ тағйир надиҳанд, Худовандро намебинанд. Охири ояти 35 аз омадани дуюмбораи Масеҳ дарак медиҳад. Дар ин вақт боқимондаи халқи Исроил тавба мекунад ва *мегӯяд: «Муборак аст Он ки ба номи Худованд меояд».* Он гоҳ халқи Ӯ дар рӯзи ҳокимияти Ӯ бо ҷону дил тайёр хоҳад буд.

### К. Шифоёбии одами гирифтори бемории истисқо (14,1-6)

**14,1-3** Дар *рӯзи шанбе* яке *аз сардорони фарисиён* Худовандро ба хонаи худ ба хӯрок хӯрдан даъват намуд. Ин зоҳиршавии меҳмондӯстии самимӣ набуд, балки яқинан аз тарафи пешвоёни динӣ кӯшиши ёфтани айби Писари Худо буд. Исо одами гирифтори бемории обхӯракро дид, яъне ин шахс варами аз ҷамъ шудани об дар бофтаҳои бадан ба амал омада дошт. Наҷотбахшанда андешаҳои мухолифони Худро медонист, вақте ба онҳо савол дод, *оё дар рӯзи шанбе шифо додан раво аст.*

**14,4-6** Ҳарчанд онҳо ҷавоби рад додан мехостанд, онҳо ягон далели асоснок надоштанд, бинобар ин *хомӯш монданд.* Он гоҳ Исо он одамро *шифо бахшид* ва ӯро иҷозати рафтан дод. Барои Ӯ ин амали меҳрубонӣ буд, муҳаббати Худо бошад ҳеҷ гоҳ хизмати худро қатъ намекунад, ҳатто дар рӯзи шанбе (Юҳ. 5,17). Баъд, ба яҳудиён муроҷиат намуда, ба онҳо ёдрас намуд, ки агар ҳайвони кадоме аз онҳо *ба чоҳ* афтад, онҳо дарҳол дар рӯзи шанбе ҳам *онро берун меоваранд.* Чунин рафтор ба манфиати онҳо мебуд: ҳайвон арзиши молиявӣ дошт. Вале ҳамқабилаи азобкашидаистодаро дида, онҳо бепарвоӣ зоҳир мекарданд ва тайёр буданд Худованд Исоро барои ёрии расондааш маҳкум намоянд. Ҳарчанд онҳо ба далелҳои Наҷотдиҳанда ҷавоб дода наметавонистанд, мо метавонем шубҳа накунем, ки онҳо боз ҳам бештар хашмгин шуданд.

### Қ. Масал дар бораи меҳмони иззатталаб (14,7-11)

**14,7-11** Ҳангоме ки Худованд Исо ба хонаи фарисӣ ворид шуд, Ӯ, эҳтимол, ба он аҳамият дод, ки чӣ тавр меҳмонон ҳаракат мекарданд дар сари дастурхон ҷои аввалро ишғол намоянд. Онҳо барои ишғол намудани ҷойҳои намоён, ифтихорӣ мекӯшиданд. Меҳмон будан ба Ӯ халал нарасонд, ки кушоду равшан ва рӯйрост сухан гӯяд. Ӯ чунин шакли худэҳтиромкуниро маҳкум намуд. Вақте ки ба зиёфат даъват мекунанд, мо бояд на *дар пешгоҳ,* балки *дар поини хона* шинем. Агар мо пешгоҳро ишғол кардан хоҳем, пас ҳамеша эҳтимолияти он ҳаст, ки моро бо *хиҷолат* ба поини хона менишонанд. Агар мо ҳақиқатан дар назди Худо хоксор бошем, пас барои мо танҳо як имкони ҳаракат ҳаст ва ин ба боло ҳаракат кардан аст. Исо таълим медод, ки ба пешгоҳ даъват шудан беҳтар аст нисбат ба ишғол кардани он, то ки баъд онро барои дигар кас холӣ кунед. Худи Ӯ намунаи зиндаи фидокорист (Фил. 2,5-8). Ӯ Худро хору зор кард, Худо бошад Ӯро боло бардошт. *Ҳар кӣ худро калон гирад,* аз тарафи Худо *паст гардонда* мешавад.

### Л. Меҳмононе ки онҳоро Худо эҳтиром мекунад (14,12-14)

**14,12-14** Бешубҳа, сардори фарисиён ба ин зиёфат одамони номдори маҳалларо даъват намуд. Исо дарҳол ба ин диққат дод. Ӯ дид, ки одамони бенавои ин деҳа ба рӯйхати меҳмонон дохил карда нашудаанд. Бинобар ин Ӯ аз фурсат истифода бурд, то ки яке аз принсипҳои бузургтарини масеҳиятро эълон намояд: Мо онҳоеро бояд дӯст дорем, ки бо муҳаббат фаро гирифта нашудаанд ва онҳо ба мо сипосгузорӣ карда наметавонанд. Одатан одамон дар айни ҳол ба гирифтани подош умед карда *дӯстони* худ, *бародарон, хешон, ҳамсоягони сарватманди худро* даъват менамоянд. Барои ба ин тариқ рафтор кардан зиндагии нав аз ҷониби Худо талаб карда намешавад. Вале, бешубҳа, зоҳир намудани меҳрубонӣ ба *бенавоён, маъюбон, шалон ва кӯрон* комилан ғайриодӣ хоҳад буд. Худо ба ҳар касе ки ба чунин одамон меҳрубонӣ зоҳир менамояд, мукофоти махсус тайёр намудааст. Ҳарчанд чунин меҳмонон ба мо подош дода наметавонанд, Худи Худо ба одам дар растохези росткорон подош ваъда медиҳад. Дар Навиштаи Муқаддас вай ҳамчунин растохези аввалин номида мешавад, вақте ки ҳамаи имондорони ҳақиқӣ аз мурдагон бармехезанд. Он дар замони ба осмон гирифта шудани Калисо рӯй медиҳад, ва ҳамчунин ба назари мо,

дар охири давраи Мусибати бузург. Яъне растохези аввалин ҳодисаи яккарата нест, вай давра ба давра рӯй хоҳад дод.

## М. Масал дар бораи баҳонаҳои даъватшудагон (14,15-24)

**14,15-18** Яке аз меҳмононе ки дар зиёфат бо Исо нишаста буд, гуфт, ки дар баракати *Подшоҳии Худо* иштирок намудан чӣ хуш мебуд. Шояд, вай дар зери таасуроти он принсипҳои рафтор буд, ки Худованд Исо худи ҳозир дар хусуси онҳо сухан меронд. Ё шояд, ин танҳо хитоби умумӣ буд, ки он одам дар хусуси он бисёр андеша накарда гуфт. Ба ҳар ҳол Худованд эътироз кард, ки дар Подшоҳии Худо нон хӯрдан ҳар қадар хуш бошад ҳам, аксари даъватшудагон, мутаассифона, узрҳои ҳархелаи бемаънӣ меёбанд, то рад кардани худро сафед кунанд. Ӯ Худоро чун як *шахсе* тасвир кард, ки *зиёфати калоне ташкил кард* ва меҳмонони зиёдро даъват намуд. Вақте ки зиёфат тайёр шуд, ӯ ғуломи худро барои хабар карданимеҳмонони даъватшуда фиристод, ки *ҳама чиз тайёр аст*. Ин ба мо он далели бузургеро ба ёд меоварад ки дар Ҷолҷолто Худованд Исои Масеҳ амали кафоратро ба амал овард ва даъвати Хушхабар дар асоси меҳнате ки Ӯ ба амал овардааст, садо медиҳад. Яке аз даъватшудагон бо он худро сафед мекард, ки замин *харидааст* ва мехоҳад *рафта онро бинад*. То харидани он рафта дидан оқилона мебуд. Вале ҳатто дар ин ҳолат ҳам ӯ муҳаббат ба чизҳои моддиро аз даъвати меҳрубонона болотар гузошт.

**14,19-20** Дигарӣ *панҷ ҷуфт барзагов харида буд* ва барои *онҳоро озмудан* мерафт. Ӯ рамзи онҳоест, ки кор, фаъолияти худ ё соҳибкориро аз даъвати Худо болотар мегузоранд. Сеюмӣ гуфт, ки *зан гирифтааст* ва ба ин сабаб наметавонад биёяд. Робитаҳои оилавӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ аксар вақт ба одамон барои қабули даъвати Хушхабар мамониат мекунанд.

**14,21-23** Вақте он *ғулом* ба *хоҷааш* хабар дод, ки ҳамаи даъватшудагон даъватро рад карданд, хоҷа ӯро ба кӯчаҳо ва паскӯчаҳои *шаҳр* барои даъват кардани *бенавоён, маъюбон, шалон* ва *кӯрон* фиристод. «Ҳам ба табиат ва ҳам ба файз вакуум бегона аст» – гуфтааст Бенгел. Эҳтимол, даъватшудагони аввалин чун тимсоли пешвоёни халқи яҳудӣ хизмат мекунанд. Вақте ки онҳо Хушхабарро рад карданд, Худо онро ба одамони одии *шаҳри* Ершалим равона кард. Бисёр касон аз халқи одӣ ба даъват ҷавоб доданд, вале хонаи хоҷа ҳоло пур нашудааст. Бинобар ин хоҷа ба ғулом фармуд, ки *ба сари роҳҳо ва кӯчабоғҳо* равад, то ки одамонро *ба омадан водор кунад*. Дар ин ҷо, бешубҳа, нишон дода шудааст, чӣ тавр Хушхабар ба халқҳои ғайрияҳудӣ равона карда мешавад. Онҳоро на бо қувваи аслиҳа маҷбур кардан лозим буд (чӣ хеле ки ин дар таърихи масеҳият карда шуда буд), балки, аниқтараш, бо қувваи эътиқод. Одамонро бо муҳаббат розӣ кардан ва саъю кӯшиш кардан лозим буд, то ки онҳоро биёянд ва то ки *хонаи* хоҷа *пур шавад*.

**14,24** Инак, вақте ки хӯрок кашида шуд, рӯйхати нахустини меҳмонон нолозим гардид, зеро онҳое ки дар ибтидо даъват шуда буданд, наомаданд.

## Н. Харҷи шогирдии ҳақиқӣ (14,25-35)

**14,25** Акнун аз пайи Худованд Исо *мардуми бисёре* равона буданд. Аксари сарварон, агар чунин шавқро ба шахсияти худ медиданд, ниҳоят шод мешуданд. Вале Худованд одамонеро намеҷуст, ки аз пайи Ӯ аз кунҷковӣ, бе шавқи ҳақиқии қалбӣ равона буданд. Ӯ онҳоеро меҷуст, ки мехостанд бо зиндагии пур аз бахшидашавӣ ва садоқати самимӣ умр ба сар баранд ва агар талаб шавад, ҳатто ба мурдан барои Ӯ тайёр бошанд. Бинобар ин дар ин ҷо Ӯ ба онҳо шартҳои қатъии шогирдиро баён карда, ба ҷудо кардани тӯдаи мардум сар кард. Баъзан Худованд Исо мардумро ба назди Худ даъват мекард, вале баъд аз он ки онҳо аз пайи Ӯ равона мешуданд, Ӯ онҳоро ҷудо мекард. Дар ин ҷо маҳз ҳамин рӯй медиҳад.

**14,26** Аввалан, Исо ба онҳое ки аз пайи Ӯ рафтанд, гуфт, ки барои шогирди ҳақиқӣ будан Ӯро зиёда аз ҳама чиз дӯст доштан лозим аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба одамон намегуфт, ки онҳо *падар, модар, зан, фарзанд, бародарон* ва *хоҳаронро* бояд бад бинанд. Аниқтараш, Ӯ таъкид мекард, ки муҳаббат ба Масеҳ ба андозае бояд бузург бошад, ки дар муқоиса бо он, ҳар гуна муҳаббати дигар – нафрат аст (муқоиса кунед Мат. 10,37). Шогирд ба ҳеҷ гуна мулоҳизаҳои

робитаҳои оилавӣ набояд иҷозат диҳад, ки ӯро аз роҳи итоати пурра ба Худованд ба тарафи дигар кашанд.

Асосан, қисми душвортарини шарти якуми шогирдӣ дар суханони *«ва ҳамчунин ҷони худро»* мебошад. Мо бояд на танҳо хешу табори худро камтар дӯст дорем, мо бояд ҳамчунин ҳаёти худро бад бинем! Ба ҷои он ки зиндагии ба худ нигаронидашударо гузаронем, мебояд онро ба Масеҳ нигаронем. Ба ҷои он ки пурсем, ин ё он рафтор ба мо чӣ гуна таъсир менамояд, мо бояд бо диққати махсус баркашем, ки он чӣ тавр дар Масеҳ ва ҷалол додани Ӯ инъикос меёбад. Мулоҳизаҳои роҳати шахсӣ ва бехатарӣ бояд тобеи вазифаи бузурги ҷалол додани Масеҳ ва шаҳодат дар бораи Ӯ бошанд. Суханони Наҷотдиҳанда мутлақанд. Ӯ гуфтааст, ки агар мо Ӯро аз ҳама беш, аз оилаи худ зиёдтар ва аз ҳаёти худ бештар дӯст надорем, пас шогирдони ӯ буда наметавонем. Дар ин ҷо нимкорагӣ нест.

**14,27** Дуюм, Ӯ таълим медиҳад, ки шогирди ҳақиқӣ бояд *салиби худро бардошта,* Худовандро пайравӣ намояд. Салиб – ягон хел заифии ҷисмонӣ ё азоби рӯҳӣ нест, балки роҳи таънаҳо, азобҳо, танҳоӣ ва ҳатто марг аст, ки онро одам баҳри Масеҳ ихтиёран интихоб менамояд. На ҳамаи имондорон салиб мебардоранд. Агар ҳаёти ба ном масеҳӣ ба сар барӣ, аз он барканор будан мумкин аст. Вале агар мо қарори пурраи ба Масеҳ супурдани худро қабул намоем, пас бо чунон мухолифати шайтонӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки Писари Худо ҳангоми дар замин буданаш аз сар гузаронда буд. Ана ҳамин аст салиб. Шогирд бояд *аз пайи* Масеҳ равад. Яъне вай бояд чунин зиндагӣ кунад, ки Масеҳ ҳангоми дар замин буданаш мезист, – ҳаёти фидокорона, залилона, таъқибот, таънаҳо, васвасаҳо ва мухолифатҳо аз тарафи гуноҳкорон.

**14,28-30** Худованд Исо хост нишон диҳад, ки пеш аз пайравӣ ба Ӯ *харҷи онро* ҳисоб кардан муҳим аст, ва ду мисол овард. Ӯ зиндагии масеҳиро ба сохтмон ва баъд ба ҷанг монанд кард. Одам *бурҷ сохтанӣ шуда, аввал нишаста харҷи онро ҳисоб* мекунад. Агар ҳамаи он чи барои иҷрои он лозим аст, нарасад, пас вай сохтмонро сар ҳам намекунад. Вагарна ҳангоме ӯ пойдевор мегузорад ва маҷбур мешавад, ки корро қатъ кунад, бинандагон ба ҳоли ӯ механданд ва чунин мегӯянд: *«Ин шахс ба сохтан сар кард ва ба тамом кардан қувваташ нарасид».* Шогирдӣ ҳам айнан ҳамин тавр аст. Пешакӣ фикр карда баромадан лозим аст, ки оё ҳақиқатан онҳо майл доранд зиндагии худро ба ихтиёри пурраи Масеҳ супоранд. Вагарна онҳо дар дурахши ҷалол сар карда ва баъд хомӯш шуда метавонанд. Ва агар чунин рӯй диҳад, пас бинандагон ба ӯ барои ибтидои нек ва интиҳои бешарафона тамасхур хоҳанд кард. Ба масеҳиёни дудила ҷаҳон танҳо нафрат ҳис мекунад.

**14,31-32** *Подшоҳ ба муқобили* лашкаре ки аз ҷиҳати шумора бартарӣ дорад, *ба ҷанг* рафта бояд дақиқ фикр карда барояд, ки оё ӯ имконият дорад, ки бо қувваҳои камтарин душманро шикаст диҳад. Ӯ пурра сарфаҳм меравад, ки ӯ ё ғолиб меояд ё таслим мешавад. Айнан ҳамин тавр дар зиндагии шогирдони Масеҳ ҳам иқдоми нимкора набояд бошад.

**14,33** Ояти 33, эҳтимол, дар тамоми Навиштаи Муқаддас ояти номаъқултарин мебошад. Дар он бешарҳ гуфта шудааст, ки *«ҳеҷ яке аз шумо, агар аз тамоми дороии худ даст накашад, наметавонад шогирди Ман бошад».* Ин суханон ба ҳеҷ гуна роҳи даврзанӣ имкон намедиҳанд. Онҳо дар назар надоранд, ки аз ҳама чиз даст кашиданро *хостан* кифоя аст. Баръакс, дар ин ҷо гуфта шудааст, ки *бояд* ӯ аз ҳама чиз даст кашад. Мо бояд ба Худованд Исо бовар кунем, ки Ӯ чӣ гуфтанашро медонист. Ӯ дарк кард, ки кори Ӯ ба таври дигар ҳеҷ гоҳ ба амал оварда намешавад. Ӯ чунин мардон ва занонро мехоҳад, ки Ӯро беш аз ҳама чизи ҷаҳон қадр мекунанд. Райл ёдовар мешавад:

*Одаме ки ба худ некӣ мехоҳад, он касест, ки ба хотири Масеҳ аз ҳама чиз даст мекашад. Ӯ савдои беҳтаринро ба ҷо меоварад: Дар ин ҳаёт вай якчанд сол салиб мебардорад ва дар оянда бошад соҳиби зиндагии ҷовидона мегардад. Ӯ молу мулки беҳтаринро ба даст меоварад; ӯ сарватҳои худро бо худ ба он дунё мебарад. Ӯ дар ин ҷо бо файз сарватманд аст ва ӯ дар оянда дар ҷалол сарватманд аст. Ва, аз ҳама беҳтар он аст, ки аз рӯи имон ба Масеҳ ӯ он чиро ба даст меоварад, ки ҳеҷ гоҳ гум намекунад. Ин он қисми некӯ мебошад, ки ҳеҷ гоҳ аз ӯ гирифта намешавад.*[41]

**14,34-35** *Намак* рамзи шогирд аст. Дар одаме ки зиндагии ба Худованд бахшидашуда ва фидокорона ба сар мебарад, як чизи зебо ва шоёни таҳсин ҳаст. Вале баъд мо дар бораи

намаке мехонем, ки *қувваташро гум мекунад.* Намаки ҳозираи ошӣ қувваи худро гум карда наметавонад, зеро ки ин намаки пок аст. Вале дар заминҳои Навиштаи Муқаддас намак аксаран омехтаҳои гуногун дошт. Бинобар ин ба андозаи истифодаи намак дар зарф пасафкандаҳо монданаш мумкин буд. Ин пасафкандаҳо нодаркор буданд. Онро ҳатто барои поруи замин истифода бурдан мумкин набуд. Онро партофтан лозим буд.

Дар ин ҷо шогирде тасвир карда шудааст, ки бисёр нағз сар мекунад ва баъд ақиб менишинад. Шогирд танҳо як мақсади асосии мавҷудият дорад; ва агар вай ба ин мақсад мувофиқат накунад, пас вай ҳақир аст. Дар бораи намак мо мехонем, ки *«онро бароварда мепартоянд»*. Гуфта нашудааст, ки онро Худо мепартояд; ин ҳеҷ гоҳ рӯй дода наметавонад. Онро одамон *бароварда мепартоянд,* ба ибораи дигар, онҳо шаҳодати одамеро, ки сохтмонро сар карда, ба охир расонида наметавонад, зери по мекунанд.

Келлӣ мегӯяд:

*Дар ин ҷо хатари ибтидои нек ва охири бад нишон дода шудааст. Дар ҷаҳон чӣ чиз чун намаке ки ягона хусусияти арзишноки худро гум кардааст, бефоида буда метавонад? Ин нисбат ба танҳо барои ягон мақсади дигар бефоида будан бадтар аст. Бо шогирде ки шогирди Масеҳ буданро бас мекунад, низ ҳамин тавр аст. Вай барои мақсадҳои дунявӣ кор намеояд ва мақсадҳои Худоро низ тарк кард. Дар ӯ нур ё дониш хеле зиёд аст, то ба давуғеҷ ва гуноҳҳои ин ҷаҳон ворид шавад, ва ӯ хушбахтии файз ва ҳақиқатро аз даст дод, то бо роҳи Масеҳ рафтанро давом диҳад ... Намаки бемазаавриди таҳқир ва маҳкумкунӣ қарор мегирад.*[42]

Худованд Исо порчаро дар бораи шогирдӣ бо суханони зерин ба охир расонд: *«Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад»*. Ин суханон ба он ишорат мекунанд, ки на ҳар кас майл хоҳад дошт шартҳои сахти шогирдиро шунавад. Вале агар одам ба арзиши эҳтимолӣ нигоҳ накарда, аз пайи Худованд Исо рафтан хоҳад, ӯ бояд шунавад ва пайравӣ кунад.

Жан Калвин боре гуфта буд: «Баҳри Масеҳ ман аз ҳама чиз рӯ гардондам ва ман чиро ба даст овардам? Дар Масеҳ ман ҳама чизро ёфтам». Ҳенрӣ Друммонд гуфтааст: «Даромадан ба Подшоҳии Осмонӣ бепул аст; обунаи ҳарсола бошад ҳама чизро металабад».

## О. Масал дар бораи гӯсфанди гумшуда (15,1-7)

**15,1-2** Пандҳои Худованди мо дар боби 14, эҳтимол, *боҷгирони* нафратангез ва дигар одамонро, ки *гуноҳкор* метофтанд, ба худ ҷалб кард. Ҳарчанд Исо онҳоро барои гуноҳ сарзаниш мекард, бисёрии онҳо эътироф менамуданд, ки Ӯ ҳақ аст. Онҳо бар зидди худ тарафдори Масеҳ гардиданд. Самимона тавба карда, онҳо Ӯро чун Худованд эътироф намуданд. Дар ҳама ҷое ки Исо бо одамоне вомехӯрд, ки мехостанд ба гуноҳи худ иқрор шаванд, Ӯ ба онҳо моил мешуд ва ба онҳо ёрии рӯҳонӣ медод ва онҳоро баракат медод.

*Фарисиён ва китобдонон* бошанд аз он сабаб шикоят мекарданд, ки Исо бо одамоне робита дошт, ки аз тарафи умум *гуноҳкор* ҳисобида мешуданд. Онҳо ба ин махавиёни иҷтимоӣ ва ахлоқӣ меҳрубонӣ зоҳир намекарданд ва аз Исо барои ба онҳо дилсӯзӣ карданаш шиква мекарданд. Бинобар ин онҳо бар зидди Ӯ айбнома пеш бароварданд: *«Ӯ гуноҳкоронро пазироӣ мекунад ва бо онҳо хӯрок мехӯрад»*. Албатта, айбнома дуруст буд. Онҳо меандешиданд, ки чунин рафтор сазовори сарзаниш буд, вале амалан иҷроиши он мақсаде ки Худованд Исо баҳри он ба ин ҷаҳон омад, маҳз дар ҳамин буд.

Маҳз дар ҷавоби айбномаи онҳо Худованд Исо масал дар бораи гӯсфанди гумшуда, дар бораи дирҳами гумшуда ва дар бораи писари ноқобилро гуфта дод. Ин ҳодисаҳо бевосита ба китобдонон ва фарисиён дахл доштанд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ дар назди Худо шикастадил намешуданд ва ҳолати ҳалокатовари худро эътироф намекарданд. Дар ҳақиқат онҳо чун фоҳишаҳо ва гуноҳкорон гумшуда буданд, вале якравона инро эътироф кардан намехостанд. Мақсади ҳамаи се ҳикоя дар он аст, ки Худо гуноҳкорони тавбакунандаро дида, шодӣ ва қаноатмандии ҳақиқиро ба даст меоварад, баръакс худро тақводор пиндоштани дурӯяҳо, ки аз боиси мағрурӣ вайронии гуноҳкоронаи худро эътироф намекунанд, ба Ӯ ҳеҷ гуна хурсандӣ намебахшад.

**15,3-4** Дар ин ҷо Худованд Исо дар сурати Шубон зоҳир мегардад. Наваду нӯҳ гӯсфанд рамзи китобдонон ва фарисиён мебошад. Гӯсфанди гумшуда – симои боҷгир, ё гуноҳкори эътирофшуда аст. Вақте шубон мебинад,

ки *яке* аз гӯсфандони ӯ гум шуд, ӯ *наваду нӯҳтояшро дар саҳро* (на дар оғил) *гузошта, аз* пайи гумшуда меравад, *то даме ки онро ёбад.* Агар сухан дар бораи Худованд равад, пас ин сафар ба замин фаромадани Ӯ, солҳои хизмати ҷамъиятӣ, радшавӣ, азоб ва маргро дар бар мегирад. Мисраъҳои зерин аз суруди «Ҳамон наваду нӯҳ» чӣ қадар дуруст мебошанд:

*Ҳеҷ яке аз раҳошудагон ҳеҷ гоҳ намедонист,*
*Чӣ андоза чуқур буданд дарёҳое ки Худованд гузашт,*
*Чӣ гуна торик буд шабе ки Ӯ мерафт,*
*То ки гӯсфанди гумшудаи Худро ёбад.*

Элизабет С. Клефейн

**15,5** Гӯсфандро *ёфта,* ӯ онро *бар китфи худ гузошт* ва ба хона бурд. Дар ин ҷо ба он ишора шудааст, ки гӯсфанди наҷотёфта аз имтиёзҳо ва наздикие лаззат бурд, ки ҳангоми дар байни дигарон буданаш ҳеҷ гоҳ барояш ошно набуд.

**15,6** Шубон *дӯстон ва ҳамсоягони* худро ҷеғ зад, то онҳо бо ӯ барои наҷот ёфтани гӯсфанди гумшуда *шодӣ* кунанд. Ин хурсандии Наҷотбахшандаро дар вақти дидани тавбаи гуноҳкор нишон медиҳад.

**15,7** Дарс одӣ аст: *Дар осмон барои як гуноҳкоре ки тавба мекунад, шодӣ мешавад* ва барои наваду нӯҳ гуноҳкоре ки ҳолати ҳалокатовари худро ҳеҷ гоҳ дарк намекарданд, шодие нахоҳад буд. Ояти 7 асло онро ифода намекунад, ки одамоне ҳастанд, ки муҳтоҷи тавба нестанд. Ҳама одамон гуноҳкоранд ва ҳама бояд тавба кунанд, то наҷот ёбанд. Оят онҳоеро тасвир мекунад, ки гумон мекунанд, гӯё *ба тавба эҳтиёҷ надоранд.*

### П. Масал дар бораи дирҳами гумшуда (15,8-10)

**15,8-10** *Зан* дар ин ҳикоя тимсоли Рӯҳулқудс буда метавонад, ки Ӯ бо *шамъи* Каломи Худо гумшудагонро меҷӯяд. *Нӯҳ дирҳам* дар бораи тавбанакардагон мегӯянд, дар ҳоле ки *як дирҳами* гумшуда ба шахсе ишорат мекунад, ки мехоҳад аз Худо дур буданашро эътироф намояд. Дар ҳикояи пешина гӯсфанд бо ихтиёри худ дур рафт. Танга чизи ғайризинда аст ва аз ҳолати беҷони гуноҳкор дарак дода метавонад. Ӯ дар гуноҳҳо мурдааст.

Зан бо диққат *ҷустуҷӯ мекунад, то даме ки* тангаро *ёбад.* Баъд вай *дугонаҳо* ва *ҳамсояҳоро* ҷеғ мезанад, то ки бо вай шодӣ кунанд. Тангаи гумшудае ки вай ёфт, нисбат ба нӯҳто, ки ҳеҷ гоҳ гум нашуда буданд, хурсандии ҳақиқии зиёдтаре овард. Худи ҳаминро дар бораи Худо ҳам гуфтан мумкин аст. Гуноҳкоре ки фурӯтан шуда, ҳолати ҳалокшудаи худро эътироф мекунад, дили Худоро шод мегардонад. Аз онҳое ки ҳеҷ гоҳ эҳтиёҷ ба тавбаро ҳис намекарданд, Худо хурсанд намешавад.

### Р. Масал дар бораи писари ноқобил (15,11-32)

**15,11-16** Дар ин ҷо Худо Падар дар сурати *шахсе ки ду писар дошт,* нишон дода шудааст. *Хурдӣ* гуноҳкори тавбакунандаро таҷассум менамояд, писари калонӣ бошад – китобдонон ва фарисиёнро. Онҳо аз рӯи офариниш писарони Худо буданд, вале на аз рӯи наҷот. Писари хурдӣ ҳамчунин чун писари ноқобил маълум аст. Шахси *ноқобил* одами беparво ва исрофкорест, ки пулҳоро ба бод ҳаво медиҳад. Хонаи падар ба дили ин писар зад ва ӯ қарор дод, ки бояд шароитро иваз кунад. Ӯ вафот кардани падарро интизор шудан намехост, бинобар ин вай аз падар пешакӣ меросеро, ки ба ӯ оид аст, талаб кард. Падар ҳиссаҳои ба ду писараш оидро байни онҳо тақсим кард. Ба зудӣ баъд аз ин писари хурдӣ *ба кишвари дурдасте* сафар кард ва пулҳои худро ба кайфу сафои гуноҳкорона сарф намуд. Ҳамин ки пулҳои вай ба охир расиданд, дар он кишвар қаҳтии бузург ба вуҷуд омад ва ӯ дар муҳтоҷӣ монд. Ягона коре ки ӯ ёфта тавонист, нигаҳбонии *хукон* буд – кори фавқулода ногувор барои яҳудии одӣ. Чӣ хел *харнуб* хӯрдани хукҳоро мушоҳида намуда, вай ба онҳо ҳасад мебурд. Онҳо нисбат ба ӯ хӯроки зиёд доштанд, ва чунин менамуд, ки *ҳеҷ кас* ба вай ёрӣ додан намехост. Дӯстоне ки ҳангоми пулҳоро ба бод додани вай дар атрофи ӯ буданд, ғайб заданд.

**15,17-19** Гуруснагӣ таъсири пурбаракат расонд. Он ӯро ба фикр намудан маҷбур мекард. Ӯ ба хотир овард, ки *мардикорони падараш* нисбат ба зиндагии ҳозираи ӯ хеле беҳтар мезистанд. Онҳо хӯроки фаровон доштанд, дар ҳоле ки ӯ аз *гуруснагӣ* қариб мемурд. Дар ин бора фикр карда, ӯ қарор дод ягон иқдом кунад. Ӯ қарор дод *ба назди падари* худ *рафта*

тавба кунад, дар гуноҳи худ иқрор шавад ва узр хоҳад. Вай фаҳмид, ки аллакай *сазовори он нест, ки писари* падари худ *номида шавад* ва мехост *мардикор* шавад.

**15,20** Вақте вай аз хона ҳанӯз хеле дур буд, *падараш ӯро дида, раҳмаш омад.* Вай *тозон рафта, ӯро ба оғӯш кашиду бӯсид.* Ин, эҳтимол, ягона ҷой дар Навиштаи Муқаддас мебошад, ки дар он шитобкорӣ ба маънои хуб нишон дода шудааст. Стюарт шарҳ медиҳад:

*Исо далерона нишон медиҳад, ки Худо интизор намешавад, то фарзанди шармсоршудаи Ӯ ба хона ояд, ва ҳангоми наздик шудани вай шаъну эътибори худро нигоҳ дошта наметавонад, балки ба пешвозаш медавад, то Ӯро ба дастҳои худ чуноне ки ҳаст, меҳрубонона қабул намояд: шармсор, ҷандапӯш ва чиркин. Як худи номи «Падар» дарҳол ранги гуноҳро рӯпӯш кард ва ҷалоли дурахшони бахшидашавиро боло бардошт.*[43]

**15,21-24** *Писар* то он ҷое ки кор хостанӣ буд, гуноҳҳояшро эътироф намуд. *Падар* бошад суханони вайро бурид, ба ғуломон фармуд ба писараш *либоси беҳтарин* пӯшонанд ва *ба дасташ ангуштарин* ва *кафш ба поҳояш* диҳанд. Ӯ ҳамчунин зиёфати калон ташкил карданро фармуд, то баргаштани писари худро, ки *гум шуда буд ва ёфт шуд,* ид кунад. Дар чашми падар вай *мурда* буд, вале *зинда шуд.* Касе гуфтааст: «Ҷавон вақтгузаронии хушро меҷуст, вале онро дар кишвари дур наёфт. Вай танҳо ҳамон вақт хурсандӣ ба даст овард, ки андешаи солим пайдо кард, то ба хонаи падари худ баргардад». Ин ҷо ба он ишора карда мешавад, ки одамон ба хурсандӣ кардан *шурӯъ намуданд,* вале дар бораи он ки хурсандии онҳо ба охир расид, дар ҳеҷ ҷой навишта нашудааст. Бо наҷот ёфтани гуноҳкор айнан чунин аст.

**15,25-27** Вақте ки *писари калонӣ* аз *саҳро* баргашт ва садоҳои суруд ва сурурро шунид, яке аз хизматгоронро *пурсид,* ки чӣ воқеа аст. Вай ба ӯ гуфт, ки *бародари* хурдӣ ба хона баргашт ва *падар* аз шодӣ бехуд шудааст.

**15,28-30** Писари калонӣ ба хашм омад ва рашк кард. Вай дар шодии падараш иштирок кардан нахост. Ҷ. Н. Дарбӣ оид ба ин хуб гуфтааст: «Ба он ҷое ки хурсандии Худо ҳукмрон аст, одамони худписанд омада наметавонанд. Агар Худо ба гуноҳкор меҳрубон бошад, пас росткории ман чӣ лозим аст?» Вақте ки *падар* ӯро ба иштирок дар базм даъват намуд, ӯ рад кард, зеро аз он ранҷид, ки падар *ҳаргиз* ӯро барои хизмати садоқатмандона ва итоат подош надода буд. Вай ҳеҷ гоҳ ба ӯ *бузғолае* ҳам надода буд, дар бораи гӯсолаи охурӣ ҳоҷати гап ҳам нест. Ӯ аз он шиква мекард, ки вақте писари ноқобил пулҳои падарро ба *фоҳишаҳо* сарф карда баргашт, падар, фикр накарда, зиёфати калон ташкил кард. Таваҷҷуҳ намоед, ки вай на ин ки «бародарам», балки *«ин писарат»* гуфт.

**15,31-32** Ҷавоби падар ба он ишорат менамояд, ки хурсандӣ бо барқароршавии *гумшуда* алоқаманд аст, дар ҳоле ки писари якрав, ношукр, оштинашуда сабабе барои базм намеёбад.

Писари калонӣ намунаи возеҳи китобдонон ва фарисиён мебошад. Вақте ки Худо ба гуноҳкорони бадкор меҳрубонӣ зоҳир мекард, онҳо хашмгин мешуданд. Дар тафаккури онҳо (бигузор ҳатто на дар тафаккури Худо) онҳо ба Ӯ садоқатмандона хизмат мекарданд, фармонҳои ӯро риоя мекарданд, аммо барои ҳамаи ин ҳеҷ гоҳ подоши бояду шояд нагирифта буданд. Ҳақиқат аз он иборат буд, ки онҳо дурӯяҳои динӣ ва гуноҳкорони айбдор буданд. Такаббур чашми онҳоро мепӯшонд ва онҳо аз Худо дур будани худро намедиданд, ва низ намедиданд, ки Ӯ ба онҳо баракат болои баракат фурӯ мерехт. Агар онҳо тавба кардан ва гуноҳҳои худро эътироф кардан мехостанд, дили Падар шод мегардид ва баҳри онҳо низ базми бузург мешуд.

### C. Масал дар бораи амалдори ноинсоф (16,1-13)

**16,1-2** Акнун Худованд Исо аз фарисиён ва китобдонон ба *шогирдони Худ* рӯ меоварад ва ба онҳо дарси идора кардани молу мулкро медиҳад. Эътироф гардидааст, ки ин яке аз порчаҳои душвортарин дар Инҷили Луқо мебошад. Душворӣ дар он аст, ки гӯё қисса дар бораи амалдори ноинсоф беинсофиро шоёни таҳсин нишон медиҳад. Вале онро таҳлил карда, мо мебинем, ки тамоман ин тавр нест. Одами *сарватманд* дар ин ҳикоя худи Худост. *Амалдор* одамест, ки идора кардани моликияти шахси дигар ба ӯ супурда шудааст. Моҳияти ҳикояи додашуда дар он аст, ки ҳар як

шогирди Худованд амалдор низ мебошад. Ин *амалдори* муайян дар исрофи пулҳои хоҷаи худ гуноҳкор карда шудааст. Ӯро ба *ҳисобот* додан даъват карданд ва хабар доданд, ки ӯ аз кор ронда мешавад.

**16,3-6** *Амалдор* тез ба фикр рафт. Ӯ мефаҳмид, ки бояд дар хусуси оянда фикр кунад. Вай аллакай хеле пир аст, ки бо меҳнати ҷисмонии вазнин машғул шавад ва хеле мағрур аст, ки *гадоӣ* кунад (гарчанде на он қадар мағрур аст, ки дуздӣ накунад). Чӣ тавр вай метавонист барои амнияти иҷтимоияш тайёрӣ бинад? Ӯ нақшае фикр карда баромад, ки барои ба даст овардани дӯстон ёрӣ медиҳад ва вақте ки вай дар муҳтоҷӣ мемонад, онҳо дар навбати худ меҳрубонӣ нишон медиҳанд. Нақша аз ин иборат буд: Вай ба назди яке аз мизоҷони хоҷаи худ равон шуд ва пурсид, ки ӯ *чӣ қадар қарздор* аст. Вақте мизоҷ гуфт, ки *сад хум равған,* амалдор ба ӯ *панҷоҳ* хум супориданро фармуд ва ҳисоб пӯшида шумурда хоҳад шуд.

**16,7** Мизоҷи *дигар сад хирвор гандум* қарздор буд. Амалдор ба ӯ *ҳаштод* хирвор супориданро фармуд ва дар забонхат пардохтро қайд кард.

**16,8** Он қисми ҳикоя ба ҳайрат меоварад, ки дар он *хоҷа амалдори ноинсофро* барои он *офарин гуфт, ки вай зиракона рафтор кард.* Чунин беинсофиро чӣ тавр сафед кардан мумкин аст? Кори амалдор ноҳақ буд. Оятҳои баъдина нишон медиҳанд, ки амалдорро на барои рафтори беинсофонаи вай, балки аниқтараш барои дурбиниаш таъриф карданд. Ӯ бомулоҳиза амал мекард. Ӯ дар бораи оянда фикр мекард ва дар бораи он ғамхорӣ кард. Ӯ фоидаи ҳозираро бахри мукофоти оянда қурбон кард. Инро дар ҳаёти шахсии худ истифода бурда, мо ба ҳар ҳол бояд хеле аниқ фаҳмем, киояндаи фарзандони Худо на дар ин замин, балки дар осмонҳост. Чун амалдоре ки амали муайянро шурӯъ кард, то ки ба худ баъди аз кор рафтан дар ин ҷо, дар поён, дӯстонро ба даст оварад, ҳамин тариқ масеҳӣ ҳам бояд мулки Хоҷаи худро чунон истифода барад, ки ҳангоме ба осмон меравад, ба худ ҷашни пешвозгириро таъмин намояд.

Худованд гуфт: *«Писарони ин дунё дар муносабат бо мардуми насли худ аз писарони нур зирактаранд»*. Ин онро ифода мекунад, ки одамони бехудо, аз нав зоданашуда дар таъмини ояндаи худ дар ин ҷаҳон хиради зиёдтаре зоҳир месозанд, нисбат ба имондорон дар ҷамъоварии ганҷҳо дар осмонҳо.

**16,9** Мо бояд ба воситаи *сарвати ноинсофона барои худ дӯстон пайдо кунем,* яъне мо пулҳо ва дигар арзишҳои моддиро бояд чунон истифода барем, ки ҷонҳоро барои Масеҳ ба даст оварем ва бо худи ҳамин дӯстиеро ба вуҷуд оварем, ки ҳамеша дар абадият хоҳад буд. Пирсон дар ин бора аниқ гуфтааст:

*Пулро барои харидани Навиштаи Муқаддас, китобҳо, брошюраҳо истифода бурдан ва ба воситаи онҳо ҷонҳои одамонро ба даст овардан мумкин аст. Ҳамин тариқ он чи моддӣ ва муваққатӣ буд, ҷовидонӣ, ғайримоддӣ, рӯҳонӣ ва ҷовидона мегардад. Ана одаме ки сад доллар дорад. Ӯ онҳоро ба зиёфати бошукӯҳ ё шабнишинӣ сарф карда метавонад; дар ин ҳол дар рӯзи дигар аз ин пулҳо ҳеҷ чиз намемонад. Аз тарафи дигар, вай ба харидани Навиштаи Муқаддас маблағгузорӣ карда метавонад (як доллар барои як нусха). Бо ин пул сад нусха Каломи Худо харидан мумкин аст. Вай бохирадона онҳоро мекорад, чун донаҳои Подшоҳӣ, ки аз онҳо ҳосил на ба намуди Навиштаи Муқаддас, балки ба намуди ҷонҳо мерӯяд. Чизи ноинсофонаро истифода бурда, вай ба худ дӯстони ҷовидониро ба даст овард, ки ҳангоме вай ба манзили ҷовидона меравад, онҳо вайро дар он ҷо қабул мекунанд.*[44]

Пас, ин таълимоти Худованди мост. Ба воситаи оқилона маблағгузорӣ кардани воситаҳои моддӣ мо дар баракати абадии мардон ва занон иштирок карда метавонем. Дар он вақте ки ба дарвозаҳои осмонӣ мерасем, метавонем ба худ кумитаи пешвозгириро таъмин намоем, ки аз одамони ба воситаи қурбониҳои моддӣ ва дуоҳои мо наҷотёфта иборат аст. Ин одамон ба мо чунин гуфта сипосгузорӣ хоҳанд кард: «Маҳз шумо маро ба ин ҷо даъват намудед».

Дарбӣ шарҳ медиҳад:

*Умуман, ҳар як одам амалдори Худост. Ба дигар маънӣ ва ба дигар тариқ Исроил амалдори Худо буд. Вай ба токзори Худо сардор таъйин шуда буд ва ба ӯ шариат, ваъдаҳо, васиятҳо ва хизмат ба Худо супурда шуда буд. Вале Исроил чун исрофкунандаи неъматҳои Худо дарёфт гардид. Одаме ки ба ӯ чун ба амалдор менигаристанд, дар ҳама чиз хеле ноинсоф будааст. Акнун чӣ кор кардан лозим аст? Худо меояд ва бо файзи пурқудрати Худ*

*он ҷиро, ки он одам дар замин суиистифода мекард, ба самари осмонӣ табдил медиҳад. Одаме ки дар дасташ чизҳои ин ҷаҳон мебошанд, бояд онҳоро на ба кайфу сафои гузарандаи дунявӣ, ки пурра аз Худо дуранд, балки барои таъмини оянда истифода барад. Мо набояд барои дар ин ҷо соҳиби чизҳо шудан кӯшиш кунем, балки ҳамаи ин чизҳоро дуруст истифода бурда, худро барои дигар замон таъмин намоем. Маблағҳоро барои дӯст бахри рӯзи меомада ҷудо кардан беҳтар аст, нисбат ба он ки ҳозир соҳиби пулҳо бошем. Одам дар ин олам сӯи ҳалокат равона аст. Бинобар ин дар ин ҷо ӯ амалдорест, ки аз ҷояш дур аст.*[45]

**16,10** Агар мо дар идора кардани чизи *андак* (пул) *боваринок* бошем, пас дар идора кардани *чизи бисёр* (ганҷҳои рӯҳонӣ) *боваринок* хоҳем буд. Ва, баръакс, одаме ки пулҳои аз тарафи Худо ба ӯ супурдашударо ноодилона истифода мебарад, ҳамон вақт ҳам, ки кор ба чизҳои аҳамиятноктар дахл намояд, боваринок нахоҳад буд. Камаҳамиятии нисбии пулҳо бо калимаи *«чизи андак»* таъкид карда мешавад.

**16,11** Ҳар касе ки дар истифодаи *сарвати ноисофона* барои Худованд боваринок нест, аз эҳтимол дур аст интизор шуда тавонад, ки Ӯ ба вай *сарвати ҳақиқиро* боварӣ карда супорад. Пул *сарвати ноинсофона* номида шудааст. Моҳиятан, дар худи он бадӣ нест. Вале, эҳтимол, пул лозим намешуд, агар ба ҷаҳон гуноҳ ворид намешуд. Пулҳо ноинсофонаанд, зеро одатан онҳоро барои мақсадҳое истифода мебаранд, ки барои ҷалол додани Худо равона карда нашудаанд. Дар ин ҷо онҳо ба *сарвати ҳақиқӣ* муқобил гузошта шудаанд. Арзиши пулҳо номустаҳкам ва муваққатист; арзиши воқеияти рӯҳонӣ мустаҳкам ва абадист.

**16,12** Ояти 12 байни *чизи бегона* ва аз они *худ* фарқ мегузорад. Ҳама чизе ки мо доро ҳастем – пул, вақт, истеъдоди мо, – ба Худованд тааллуқ дорад ва мо бояд инро барои Ӯ ба кор барем. *Чизи худамон* ба подоше дахл дорад, ки мо онро дар ин ҳаёт ва дар ҳаёти оянда чун натиҷаи хизмати садоқатмандонаи худ ба Масеҳ ба даст меоварем. Агар мо дар он чи ба Ӯ тааллуқ дорад, боваринок набошем, Ӯ ба мо аз они моро чӣ хел дода метавонад?

**16,13** Амалан дар як вақт ҳам барои ашё ва ҳам барои *Худо* зистан ғайриимкон аст. Агар мо дар ихтиёри пулҳо бошем, пас мо ба Худованд ҳақиқатан хизмат карда наметавонем. Барои ғун кардани сарват тамоми қувваи беҳтарини худро ба ин масъала бахшидан лозим аст. Инро карда, мо аз Худо ҳамон чизеро, ки ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ дорад, медуздем. Дар айни ҳол ду тақсим шудани эътимоднокӣ рӯй медиҳад. Хоҳишҳо омехта мешаванд. Қарорҳои бетарафона нестанд. Дар он ҷое ки ганҷи мост, дили мо ҳам дар он ҷост. Ба сарват ғун кардан кӯшида, мо ба *пул* хизмат мекунем. Дар худи ҳамин вақт ба *Худо* ҳам *хизмат кардан* ғайриимкон аст. Молу пул аз мо ҳама чизро талаб менамояд – шомҳои мо, рӯзҳои истироҳат, ва вақте ки мо бояд ба Худованд бахшем.

## Т. Фарисиёни ҳарис (16,14-18)

**16,14** *Фарисиён* на танҳо мағрур ва риёкор, балки ҳамчунин зарпараст ҳам буданд. Онҳо фикр мекарданд, ки тақводорӣ – воситаи пул кор кардан аст. Онҳо динро, ба монанди он ки ихтисоси даромаднокро интихоб менамоянд, интихоб мекарданд. Хизмати онҳо на ба ҷалоли Худо ва ёрӣ ба наздикон, балки ба бойшавии шахсӣ нигаронида шуда буд. Таълимоти Худованд Исоро дар бораи он ки сарвати ин ҷаҳонро тарк кардан ва барои худ дар осмонҳо ганҷ ғун кардан лозим аст, гӯш карда, онҳо ба Ӯ механдиданд. Барои онҳо пулҳо нисбат ба ваъдаҳои Худо бештар воқеӣ буданд. Ҳеҷ чиз ба онҳо дар ғун кардани сарват халал намерасонд.

**16,15** Зоҳиран фарисиён диндор ва рӯҳонӣ менамуданд. Онҳо худро дар назди *одамон* росткор нишон медоданд. Вале дар паси қиёфаи назарфиреб *Худо* ҳарисии *дилҳои* онҳоро медид. Тақводории намоишкоронаи онҳо Ӯро гумроҳ намекард. Зиндагие ки онҳо ба сар мебурданд ва онро мардумони дигар меписандиданд (Заб. 48,19), *пеши Худо нафратовар* буд. Онҳо худро комёб меҳисобиданд, зеро ки фаъолияти диниро бо сарвати моддӣ мепайвастанд. Аммо аз нуқтаи назари Худо онҳо зинокорони рӯҳонӣ буданд. Онҳо иддаои муҳаббат ба Яҳуваро доштанд, дар асл бошад худои онҳо пул буд.

**16,16** Пайдарпайии фикри оятҳои 16 то 18-ро фаҳмидан хеле душвор аст. Ҳангоми бори аввал хондан онҳо комилан на ба матни

пешина на бо матни баъдина алоқаманд наменамояд. Аммо ба мо чунин менамояд, ки агар мавзӯи боби 16 – зарпарастӣ ва ноинсофии фарисиёнро фаромӯш накунем, онҳоро беҳтар фаҳмидан мумкин аст. Онҳое ки бо риояи қатъии шариат фахр мекарданд, чун дурӯяҳои ҳарис фош карда шудаанд. Рӯҳияи шариат бо рӯҳияи фарисиён дар мухолифати шадид мебошад.

*Таврот ва навиштаҳои пайғамбарон то Яҳё* буданд. Бо ин суханон Худованд замони шариатро тасвир кард, ки он аз Мусо сар шуд ва бо *Яҳёи* Таъмиддиҳанда ба охир расид. Акнун амали замони нав сар мешуд. Аз рӯзҳои Яҳё *Подшоҳии Худо башорат дода мешавад.* Таъмиддиҳанда омадани Подшоҳи ҳақиқии Исроилро эълон мекард. Ӯ ба мардум мегуфт, ки агар онҳо тавба кунанд, Худованд Исо бар онҳо ҳукмронӣ хоҳад кард. Дар натиҷаи мавъизаи вай ва мавъизаи баъдинаи Худи Худованд ва шогирдони Ӯ бисёр одамон ба ин даъват бо майли том ҷавоб доданд.

*«Ҳар кас бо ҷидду ҷаҳд ба он дохил мегардад»* онро ифода мекунад, ки шахсони ба ин хабар ҷавобдода аслан ба Подшоҳӣ зада даромадаанд. Боҷгирон ва гуноҳкорон, масалан, монеаҳои аз тарафи фарисиён гузошташударо бояд паси сар мекарданд. Аз дигарон дар дилҳои худ майл ба пулҳоро сахт маҳкум намудан талаб карда мешуд. Касе мебоист бар таассуб ғалаба мекард.

**16,17-18** Вале омадани замони нав онро ифода намекунад, ки ҳақиқатҳои асосии ахлоқӣ беэътибор мешуданд. *Лекин аз байн рафтани осмон ва замин осонтар аст аз он ки нуқтае аз Таврот афтад.* Ифодаи *«нуқтае аз Таврот»*-ро бо хатчае ки ҳарфи Ҳ аз ҳарфи Х фарқ мекунад, монанд кардан мумкин аст.

Фарисиён гумон мекарданд, ки дар Подшоҳии Худо мебошанд, вале Худованд, моҳиятан, ба онҳо гуфт: «Шумо наметавонед қонунҳои бузурги ахлоқии Худоро поймол карда, боз даъвои ҷой дар Подшоҳӣ дошта бошед». Онҳо, эҳтимол, пурсида буданд: «Мо кадом дастурҳои бузурги ахлоқиро иҷро намекунем?» Ва Худованд ба онҳо ба қонун оид ба заношӯӣ ишорат кард, ки он ҳеҷ гоҳ бекор карда намешавад. *Ҳар кӣ зани худро талоқ дода, зани дигаре гирад, зино мекунад. Ва ҳар кӣ зани талоқшударо гирад, зино мекунад.* Ин ба он рафторе ки фарисиён ба маънои рӯҳонӣ мекарданд, мувофиқат мекунад. Халқи яҳудӣ бо Худо дар аҳд буд. Вале фарисиён барои ба даст овардани сарвати моддӣ саъю кӯшиши ғайримуқаррарӣ карда, ба Худо пушт мегардониданд. Эҳтимол, оят ба он ишорат мекунад, ки онҳо на танҳо дар зинои рӯҳонӣ, балки дар зинои ҷисмонӣ ҳам айбдор буданд.

### У. Сарватманд ва Элъозор (16,19-31)

**16,19-21** Худованд нутқи Худро оид ба идора кардани арзишҳои моддӣ бо ҳикоя оид ба ду ҳаёт, ду марг ва ду насиби ҷовидона ба охир мерасонад. Бояд диққат дод, ки ин масал нест. Мо инро таъкид менамоем, зеро баъзе мунаққидон бо ишора ба он ки ин гӯё масал аст, маънои ҷиддии ин ҳикояро рад карданӣ мешаванд.

Аз аввал аниқ нишон додан лозим аст, ки *сарватманди* беном барои сарвати худ ба дӯзах маҳкум нашуда буд. Асоси наҷот – имон ба Худованд мебошад, ва одамон барои ба Ӯ имон надоштан маҳкум хоҳанд шуд. Чунончи, ин одами сарватманд бо нафрати бепарвоёнаи худ ба *бенавое* ки *назди дарвозаи ӯ* бо тани *пур аз захм мехобид,* нишон дод, ки имони ҳақиқии наҷотбахш надошт. Агар дар вай муҳаббати Худо мебуд, дар он вақте ки ҳамқавмаш дар назди дарвозаи вай пораҳои нонро талабида мехобид, ӯ дар шукӯҳ, ҳузуру ҳаловат ва осудаҳолӣ зиста наметавонист. Агар Ӯ пулдӯстдориро тарк мекард, ба Подшоҳии Худо бо зӯрӣ ворид мешуд.

Ҳамчунин он ҳам ҳақиқат аст, ки *Элъозор* на аз сабаби камбағалии худ наҷот ёфта буд. Дар кори наҷоти ҷони худ ӯ ба Худованд эътимод намуд.

Акнун бошад, ба сурати одами бой диққат диҳед. Вай танҳо либосҳои қиматбаҳотарин ва мӯд мепӯшид, дар мизи ӯ бошад таомҳои зуккатарин гузошта шуда буд. Ӯ ба ҳузуру ҳаловат ва хоҳишҳои нафс тағофул карда, барои худ мезист. Дар ӯ муҳаббати самимӣ ба Худо ва ғамхорӣ дар бораи одами дигар набуд.

*Элъозор* тамоман бар акси ӯст. Ин *бенавои* бадбахт, ки ҳар рӯз дар назди хонаи сарватманд мехобид, *пур аз захм* буд, аз гуруснагӣ хароб шуда буд ва *сагҳои* ифлос вайро таъқиб намуда *захмҳои ӯро мелесиданд.*

**16,22** Вақте ки *он бенаво мурд,* ӯро *фариштагон ба паҳлӯи Иброҳим бурданд.* Аксарият шубҳа доранд, ки оё ҳақиқатан *фариштаҳо* дар бардошта бурдани ҷонҳои имондорон ба осмонҳо иштирок мекунанд. Мо сабаби ба қувваи одии ин суханон шубҳа карданро намебинем. Фариштаҳо дар ин ҳаёт ба имондорон хизмат мекунанд ва сабаб нест, ки онҳо бояд худи ҳамонро дар дами марг накунанд. *Паҳлӯи Иброҳим* ифодаи рамзиест, ки ҷои ҳузуру ҳаловатро ифода мекунад. Барои ҳар кадом яҳудӣ андеша дар бораи бо Иброҳим мушоракат доштан бо ҳузуру ҳаловати тасвирнопазир алоқаманд аст. Мо тарафдори онем, ки *паҳлӯи Иброҳим* ва осмон худи ҳамон як чиз аст. Вақте ки *сарватманд низ мурд,* ҷисми ӯро *гӯрондаnd* – он ҷисмеро, ки вай онро хурсанд мекард ва ба он ин қадар маблағи зиёд сарф мекард.

**16,23-24** Вале ин ҳоло охири ҳикоя нест. Ҷони ӯ, ё «худ»-и бошуури ӯ, ба *дунёи мурдагон* афтод. *Дунёи мурдагон* (тарҷумаи юнонии калимаи «шеол» аз Аҳди Қадим) – ҷои сукунати ҷонҳои мурдагон аст. Дар давраи Аҳди Қадим дар бораи он чун дар бораи бошишгоҳи наҷотёфтагон ва наҷотнаёфтагон сухан меронданд. Дар ин ҷо он чун ҷое зикр шудааст, ки барои наҷотнаёфтагон муқаррар шудааст, зеро мо медонем, ки сарватманд *азоб мекашид.*

Шогирдон, эҳтимол ҳайрон шуданд, зеро Исо гуфт, ки сарватманд ба макони барои наҷотнаёфтагон муқарраршуда афтод. Дар асоси Аҳди Қадим онҳоро ҳамеша таълим медоданд, ки сарват аломати баракат ва марҳамати Худост. Ба исроилие ки ба Худованд итоат мекард, пешрафти моддӣ ваъда шуда буд. Пас чӣ хел яҳудии сарватманд ба макони барои наҷотнаёфтагон муқарраршуда афтода метавонист? Худованд Исо ҳозиракак эълон намуд, ки бо мавъизаи Яҳё тартиби нави чизҳо сар шуд. Дигар сарват аломати баракат нест. Он барои озмоиши садоқати одам дар идоракунӣ хизмат мекунад. Аз касе ки ба вай фаровон дода шудааст, зиёд талаб карда мешавад.

Ояти 23 идеяи «хобидани ҷон»-ро беэътибор мекунад – назарияеро, ки мувофиқи он дар давраи байни марг ва растохез ҷон дар ҳолати беҳушӣ мебошад. Оят исбот мекунад, ки дар он тарафи қабр мавҷудияти бошууро на ҳаст. Амалан, вусъати донише ки сарватманд дошт, моро ба ҳайрат меоварад. Ӯ *аз дур Иброҳимро бо Элъозор, ки дар паҳлӯяш буд, дид.* Ӯ ҳатто бо Иброҳим робита кардан метавонист. Ӯро *«падарам Иброҳим»* номида, ӯ аз вай *марҳамат* хоҳиш мекард ва аз Элъозор овардани қатраи *обро барои салқин кардани забонаш* илтимос кард. Албатта, савол ба миён меояд, ки ҷони беҷисм чӣ гуна ташнагӣ ва азобу уқубатро *дар аланга* ҳис карда метавонад. Мо танҳо ба хулосае омада метавонем, ки ин ҷо ифодаи рамзӣ мебошад, вале ин асло онро ифода намекунад, ки азобу уқубатҳо ҳақиқӣ нестанд.

**16,25** *Иброҳим* ӯро *«фарзандам»* номида, тасдиқ кард, ки вай насли ҷисмонии ӯ буд, ҳарчанд бешубҳа рӯҳонӣ набуд. Падаркалон ба ӯ оид ба *зиндагие* ёдовар шуд, ки дар шукӯҳ, хурсандӣ ва кайфу сафо гузаронидааст. Ӯ ҳамчунин камбағалӣ ва азобу уқубатҳои *Элъозорро* ёдрас намуд. Акнун, дар он тарафи қабр, онҳо ҷойҳояшонро иваз карданд. Нобаробарие ки дар замин буд, баръакс гардид.

**16,26** Мо аз ин оят мефаҳмем, ки интихоби дар ин ҳаёт кардаи мо тақдири абадии моро муайян менамояд ва ҳамин ки марг меояд, – ин тақдир муқаррар шудааст. Аз манзили наҷотёфтагон ба бошишгоҳи маҳкумшудагон ва баръакс гузаргоҳ нест.

**16,27-31** Баъд аз марг сарватманд баногоҳ башоратдиҳанда мешавад. Ӯ мехоҳад, ки ягон кас ба назди *панҷ бародари* вай барои огоҳонидан равад, то ки онҳо ба ин *макони азоб* наоянд. Иброҳим ҷавоб дод, ки ин панҷ бародар яҳудӣ мебошанд ва Навиштаи Аҳди Қадимро доранд ва он барои огоҳӣ бояд кофӣ бошад. Сарватманд ба *Иброҳим* эътироз намуда гуфт, ки *агар яке аз мурдагон* ба *назди онҳо равад,* пас онҳо аниқ *тавба мекунанд.* Вале Иброҳим сухани охиринро барои худ гузошт. Вай арз кард, ки шунидани Каломи Худоро инкор кардан ниҳоӣ мебошад. Агар одамон огоҳонидани Навиштаи Муқаддасро гӯш накунанд, пас, ҳатто агар касе *аз мурдагон бархезад ҳам,* онҳо бовар намекунанд. Он чи бо Худи Худованд Исо рӯй дод, ба ин далели эътимодбахш буда метавонад. Ӯ аз мурдагон бархост, вале одамон то ҳол ба ин бовар намекунанд.

Аз Аҳди Нав мо медонем, ки ҳангоми мурдани одами имондор ҷисми ӯ ба қабр меафтад, ҷонаш бошад ба осмонҳо меравад, то ки бо Масеҳ бошад (2Қур. 5,8; Фил. 1,23). Вақте ки беимон мемирад, ҷисми ӯ айнан ҳамон тавр

ба қабр меафтад, вале ҷони ӯ ба макони барои наҷотнаёфтагон муқарраршуда меравад. Барои ӯ ин ҷои азобҳо ва пушаймонӣ аст.

Ҳангоми ба осмон гирифта шудани Калисо ҷисмҳои имондорон аз гӯр мехезанд ва бо рӯҳу ҷон мепайванданд (1Тас. 4,13-18). Он гоҳ онҳо ҷовидона бо Масеҳ сокин хоҳанд буд. Дар вақти Доварӣ дар назди тахти бузурги сафед ҷисм, рӯҳ ва ҷони беимонон ҳамчунин аз нав пайваст мешаванд (Ваҳй 20,12-13). Сипас онҳо ба кӯли оташ, ҷои ҷазои ҷовидона, партофта хоҳанд шуд.

Ба ҳамин тариқ, боби 16 бо огоҳонидани фавқулода ҷиддӣ ба фарисиён ва ҳамаи онҳое ки барои пул зиндагӣ мекунанд, ба охир мерасад. Онҳо чунин рафтор намуда, ҷонҳои худро ба хатар мегузоранд. Дар замин нон талабидан беҳтар аст, нисбат ба об талабидан дар ба макони барои наҷотнаёфтагон муқарраршуда.

## IX. ПИСАРИ ОДАМ ШОГИРДОНИ ХУДРО МЕОМӮЗОНАД (17,1–19,27)

### А. Дар бораи хатари васвасаҳо (17,1-2)

**17,1-2** Дар ин боб пайдарҳамии баёни фикрҳо аниқ мушоҳида намешавад. Баъзан ҳатто чунин менамояд, ки Луқо якчанд мавзуъҳои ҷудогонаро бо ҳам якҷоя мекунад. Вале ишораи аввалини Масеҳро дар бораи хатари васвасаҳо бо ҳикоя дар бораи сарватманд дар охири боби 16 алоқаманд кардан мумкин аст. Зиндагӣ дар шукӯҳ, худписандӣ ва бароҳатӣ барои онҳое ки дар имони масеҳӣ ҷавонанд, ба осонӣ монеа шуда метавонад. Махсусан, агар шахси масеҳӣ обрӯманд бошад, ҳатман барои дигарон намуна хоҳад буд. Ин чӣ андоза хатарнок аст – ҳидоят намудани пайравони Худованд Исои Масеҳ ба ҳаёте ки дар он чизпарастӣ ва парастиши молу пул ҳукмрон аст.

Албатта, ин принсипро хеле васеъ ба кор бурдан мумкин аст. *Яке аз ин хурдон* метавонад пешпо хӯрад, вақте ӯро ба тарзи зиндагии дунявӣ ҳавасманд мекунанд. Одам метавонад ба гуноҳи шаҳвонӣ кашида шуда, пешпо хӯрад. Ӯ метавонад ба таълимоте рӯ оварад, ки он маънои равшани Навиштаи Муқаддасро хира менамояд. Ҳамаи он чи одамонро аз роҳи самимии имон, бахшидашавӣ ва покӣ дур мебарад, санги пешпоро ифода менамояд.

Табиати одамӣ ва ҳолати ин ҷаҳонро дониста, Худованд гуфт, ки *имкон надорад, ки васвасаҳо ба миён наоянд.* Вале ин гуноҳи он шахсеро, ки васвасаҳо ба воситаи вай меоянд, кам намекунад. *Беҳтар* мебуд, агар *бар гардани* ин гуна одам *санги осиёе овехта,* вайро ба қаъри *баҳр афкананд.* Равшан мешавад, ки мақсади чунин ибораҳои пуртаъсир – тасвири на танҳо марги ҷисмонӣ, балки ҳамчунин маҳкумияти абадӣ ҳам мебошад.

Вақте ки Худованд Исо дар бораи ба васваса андохтани *яке аз ин хурдон* сухан меронад, Ӯ, эҳтимол, ин ҷо назар ба фақат хурдон чизи бештареро дар назар дорад. Чунин менамояд, ки Ӯ ба шогирдоне ки дар имон ҷавонанд, ишора мекунад.

### Б. Дар бораи зарурати рӯҳи бахшанда (17,3-4)

**17,3-4** Дар ҳаёти масеҳӣ на танҳо хатари дигаронро ба васваса андохтан мавҷуд аст. Ҳамчунин хатар дар душмании ниҳонӣ, дар бахшидан нахостан, вақте ки шахси дилозор бахшоиш металабад, мавҷуд аст. Худованд дар ин ҷо айнан дар бораи ҳамин сухан меронад. Аҳди Нав таълим медиҳад, ки дар чунин вазъият чӣ хел рафтор кардан лозим аст:

1. Агар масеҳӣ аз як масеҳии дигар зарар дида бошад, пас вай пеш аз ҳама шахси дилозорро дар дили худ бояд бахшад (Эфс. 4,32). Ин дили ӯро аз ранҷиш ва адоват озод нигоҳ медорад.
2. Баъд аз он вай шахсан худаш ба шахси дилозор бояд муроҷиат намояд ва *ба ӯ фаҳмонад* (ояти 3; ҳамчунин Мат. 18,15). *Агар* вай *тавба кунад,* гуфтан лозим аст, ки вай бахшида шудааст. Ҳатто агар вай чандин карат гуноҳ кунад ва баъд аз он гӯяд, ки тавба мекунад, ӯро бахшидан лозим аст (ояти 4).
3. Агар танбеҳи шахсӣ бенатиҷа бошад, он гоҳ одаме ки ба ӯ зарар расида буд, бояд як ё ду шоҳид оварад (Мат. 18,16). Агар шахси дилозор онҳоро гӯш накунад, он гоҳ ин корро ба калисо баровардан лозим аст. Рад кардани қарори калисо бояд боиси аз калисо ронда шудан гардад (Мат. 18,17).

Мақсади танбеҳ ва дигар таъсирҳои интизомӣ на дар баробар кардани ҳисобҳо ё таҳқири шахси дилозор мебошад, балки ӯро дар муносибат бо Худованд ва бародарон барқарор намудан аст. Ҳамаи танбеҳҳо бояд дар рӯҳияи муҳаббат ба амал оварда шаванд. Мо набояд ҳукм намоем, ки оё тавбаи шахси дилозор ҳақиқӣ буд ё не. Мо ба суханони вай, ки ӯ тавба кардааст, бояд бовар намоем. Ана барои чӣ Исо мегӯяд: *«Ва агар рӯзе ҳафт бор зидди ту гуноҳ кунад ва рӯзе ҳафт бор баргашта, гӯяд: Тавба кардам, – ӯро бахш»*. Дар ҳамин аст он меҳрубоние ки ба мо Падари мо зоҳир менамояд. Новобаста ба он ки мо аксаран сазовори умедҳои Ӯ намегардем, ба ҳар ҳол боввариро ба он нигоҳ медорем, ки «агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро бахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд» (1Юҳ. 1,9).

## В. Дар бораи имон (17,5-6)

**17,5** Ғоя дар бораи дар як рӯз ҳафт маротиба бахшидан *ба расулон* душвор ва ҳатто иҷронашаванда намуд. Онҳо фикр карданд, ки ба зоҳир намудани чунин марҳамат қудрати онҳо намерасад. Бинобар ин онҳо *аз Худованд* хоҳиш намуданд, ки *имони* онҳоро *зиёд кунад*.

**17,6** Ҷавоби *Худованд* нишон дод, ки масъала асосан на дар бузургии имон, балки дар сифати он аст. Масъала ҳамчунин аз он иборат нест, ки зиёдтар имон ба даст оварда шавад, балки дар он аст, ки он имонеро ки доранд, истифода баранд. Моро аз бахшидани бародаронамон маҳз ғурури шахсиамон ва худписандии иллатнок нигоҳ медорад. Ин ғururро решакан ва дур кардан лозим аст. Агар *имон, ки* ба андозаи *донаи хардал аст, дарахти тутро* решакан карда *ба баҳр* ҷойгир карда тавонад, пас вай ба мо бо осонии зиёдтаре бар сангдилӣ ва якравӣ, ки барои беохир бахшидани бародар халал мерасонанд, ғалаба дода метавонад.

## Г. Дар бораи ғуломони фоиданок (17,7-10)

**17,7-9** Ғуломи ҳақиқии Масеҳ сабаб барои ғурур надорад. Ҳисси худписандиро решакан карда, ба ҷои он дарки ношоистагии худро ҷойгир намудан лозим аст. Ин намунаро мо дар ҳикоя оид ба ғулом дарёфт менамоем. Ин *ғулом* рӯзи дароз *шудгор* кард ва гӯсфандонро *чӯпонӣ* намуд. Вақте ки вай дар охири рӯзи вазнини меҳнатӣ *аз саҳро* бармегардад, хоҷа ӯро барои *нишастан* ба назди дастурхон даъват намекунад. *Баръакс,* вай ба ӯ мефармояд, ки камари худро баста, хӯроки шом тайёр кунад. Танҳо пас аз иҷроиши ин фармон ба ғулом хӯрдан ва нӯшидан иҷозат дода мешавад. Хоҷа ба ғуломи худ барои ба ҷо овардани фармонҳои вай *миннатдорӣ* баён намекунад. Ин вазифаи ӯст. Охир ғулом ба хоҷаи худ тааллуқ дорад ва вазифаи аввалини ӯ фармонбардор будан аст.

**17,10** Ҳамчунин шогирдон ҳам ғуломи Худованд Исои Масеҳ мебошанд. Онҳо ба Ӯ рӯҳан, бо ҷон ва ҷисман тааллуқ доранд. Ҳамаи он коре ки онҳо ягон вақт барои Наҷотдиҳанда карда буданд, барои тақдир кардани коре ки Ӯ дар Ҷолҷолто иҷро кард, кофӣ нахоҳад буд. Бинобар ин шогирд ҳама чизи ба ӯ дар Аҳди Нав фармударо иҷро намуда, ба ҳар ҳол бояд эътироф намояд, ки ӯ *ғуломи ношоям* аст, ки вай танҳо он кореро, *ки карданаш лозим буд, кард.*

Рой Ҳешен панҷ аломати зерини ғуломро номбар мекунад:

1. Вай бояд бо омодагӣ як корро аз пайи кори дигар қабул намояд, бе он ки ба вай аҳамият диҳанд.
2. Чунин рафтор намуда, вай набояд миннатдориро барои ин интизор шавад.
3. Ҳамаи фармонҳоро иҷро намуда, вай набояд хоҷаи худро дар худбинӣ айбдор кунад.
4. Вай бояд худро ғуломи ношоям эътироф намояд.
5. Вай бояд эътироф намояд, ки корро иҷро карда ва ҳолати худро бо фурӯтанӣ ва тавозуъ қабул намуда, вай ҳеҷ чиз зиёда аз он ки бояд мекард, накардааст.[46]

## Ғ. Исо даҳ нафар махавиро шифо медиҳад (17,11-19)

**17,11** Гуноҳи носипосӣ боз як хатарест, ки шогирдро дар зиндагии ӯ таъқиб мекунад. Ин дар мисоли даҳ нафар махавӣ нишон дода шудааст. Мо медонем, ки Худованд Исо дар асной роҳ ба *Уршалим* аз ҳудуди байни *Сомара ва Ҷалил* мегузашт.

**17,12-14** *Ва ҳангоме ки Ӯ ба* деҳае *дохил мешуд,* Ӯро *даҳ марди махавӣ* диданд. Аз сабаби ҳолати бемории худ онҳо наздик наомаданд, вале ба Ӯ аз дур муроҷиат намуда, зорӣ карданд, то ки Ӯ онҳоро шифо бахшад. Вай имони онҳоро мукофотонид ва гуфт, ки *раванд ва худро ба коҳинон нишон* диҳанд. Ин онро ифода мекард, ки ҳангоме онҳо ба назди коҳинон омада мерасанд, аз махав шифо меёбанд. Коҳин қудрати шифо додани онҳоро надошт, вале онҳоро покшуда эълон кардан вазифаи ӯ буд. Ба суханони Худованд итоат карда, махавиён ба назди коҳин равона шуданд ва *онҳо ҳангоми рафтанашон,* ба тариқи муъҷизаосо аз беморӣ *пок шуданд.*

**17,15-18** Ҳамаи онҳо имон доштанд, то ки шифо ёбанд, вале танҳо яке аз даҳ нафар барои изҳори миннатдорӣ ба назди Худованд баргашт. Хеле ҷолиби диққат аст, ки ин як нафар *сомарӣ буд,* яке аз намояндагони ҳамсояҳои барои яҳудиён манфур, ки яҳудиён бо онҳо ҳеҷ гуна кору бор надоштанд. Вай *пеши пойҳои* Исо (ҷои ҳақиқии парастиш) *рӯй ба замин* (ҳолати ҳақиқии парастишкунанда) *афтод. Исо* пурсид, *оё даҳ нафар пок нашуданд?* Пас, чаро ба ғайр аз *ин ғариб* касе барнагашт, то ки миннатдорӣ намояд. *Нӯҳ нафари* дигар *куҷоянд?* Ҳеҷ кас аз онҳо барнагашт, то *Худо*ро *ҳамду сано хонад.*

**17,19** Худованд Исо ба сомарӣ муроҷиат намуда гуфт: *«Бархез ва рав; имонат туро наҷот дод»*. Танҳо даҳ фоизи сипосгузор сарвати ҳақиқии Масеҳро ворис мешаванд. Исо баргаштани мо (ояти 15) ва миннатдории моро (ояти 16) бо баракатҳои нав пешвоз мегирад. Суханони *«имонат туро наҷот дод»* ба он ишорат менамоянд, ки нӯҳ нафар аз махав шифо ёфтанд, нафари даҳум бошад ҳамчунин аз гуноҳ ҳам наҷот ёфт!

### Д. Дар бораи омадани Подшоҳӣ (17,20-37)

**17,20-21** Фаҳмидан душвор аст, ки оё саволи *фарисиён* дар бораи *Подшоҳӣ* самимӣ буд, ё онҳо ҳамин тавр тамасхур мекарданд. Вале мо аниқ медонем, ки онҳо, ҳамчун яҳудиён, ба Подшоҳӣ умед мебастанд, ки он бо қувваи бузург ва ҷалол барқарор карда мешавад. Онҳо аломатҳои зоҳирӣ ва тағйиротҳои бузурги сиёсиро интизор буданд. Наҷотдиҳанда ба онҳо гуфт: *«Подшоҳии Худо на он тавр меояд, ки ба назар намоён шавад»,* яъне омадани Подшоҳии Худо, ақаллан дар намуди ҳозираи он, бо аломатҳои зоҳирӣ ҳамроҳ намеояд. Ин подшоҳии муваққатии заминии дидашаванда нест, ки дар бораи он гуфтан мумкин бошад, ки вай *дар ин ҷо* ё *дар он ҷо* мебошад. Баръакс, Наҷотдиҳанда гуфт, ки *Подшоҳии Худо дар миёни* одамон ё, беҳтараш, дар дохили онҳо мебошад. Худованд Исо дар назар дошта наметавонист, ки Подшоҳӣ ҳақиқатан дар дилҳои фарисиён буд, зеро ки ин диндорони дурӯяи сангдил дар дили худ барои Масеҳ Подшоҳ ҷой надоштанд. Вай дар назар дошт, ки *Подшоҳии Худо* дар байни онҳо буд. Ӯ Подшоҳи ҳақиқии Исроил буд, ӯ муъҷизаҳои Худро меофарид ва ваколатномаҳои Худро ба мушоҳидаи умум тақдим мекард. Вале фарисиён Ӯро қабул кардан намехостанд. Яъне, Подшоҳии Худо ба онҳо пешниҳод карда шуда буд, онҳо бошанд, вайро тамоман пайхас накарданд.

**17,22** Худованд дар сӯҳбат бо фарисиён Подшоҳиро чун як чизи аллакай омада тасвир кард. Ҳангоме ки Ӯ *ба шогирдон* муроҷиат кард, оид ба Подшоҳӣ чун ҳодисаи оянда мегуфт, ки он дар омадани дуюми Ӯ барпо карда мешавад. Вале аввал Ӯ давраи байни омадани якум ва дуюми Худро тасвир намуд. *Замоне меояд, ки* шогирдон *дидани фақат як рӯзи Писари Одамро орзу мекунанд,* вале *намебинанд.* Ба иборои дигар, онҳо ақаллан баргардондани *як рӯзро* талабгор мешаванд, замонеро ки Ӯ бо онҳо дар замин буд ва онҳо аз робитаи ширин бо Ӯ лаззат мебурданд. Ин рӯзҳо ба андозае чашидани пешакии он замоне буд, ки Ӯ бо қудрат ва ҷалоли азим меояд.

**17,23-24** Бисёр масеҳони бардурӯғ пайдо мешаванд, ҳокимон бошанд омадани Масеҳро эълон мекунанд. Вале пайравони Ӯ набояд бо ин гуна хабарҳои бардурӯғ фирефта шаванд. Омадани дуюми Масеҳ он гуна ба назар намоён ва бехато мешавад, *чунон ки барқ* осмонро аз ин канор то канори дигар бурида мегузарад.

**17,25** *Худованд Исо ба шогирдон аз нав ёдрас намуд, ки пеш аз рӯй додани ин* аввал лозим аст, ки Ӯ бисёр азоб кашад ва аз тарафи ин насл рад карда шавад.

**17,26-27** Худованд аз нав ба мавзӯи барои ҳукмронӣ омадани Худ рӯ оварда гуфт, ки бевосита пеш аз ин ҳодисаи пурҷалол рӯзҳо ба

*айёми Нӯҳ* монанд мешаванд. Мардум *мехӯрданд, менӯшиданд, зан мегирифтанд, шавҳар мекарданд.* Дар ин ҳеҷ чизи бад нест; ин фаъолияти муқаррарӣ ва қонунии одамист. Бадӣ дар он буд, ки мардум баҳри ҳамаи ин мезистанд, дар бораи Худо фикр намекарданд ва барои Ӯ вақт ҷудо намекарданд. Пас аз он ки *Нӯҳ* ва оилаи вай *ба киштӣ* даромаданд, *тӯфон омада ҳама* мардуми боқимондаро *нобуд кард.* Ҳамин тавр, барои ҳамаи онҳое ки меҳрубонии пешниҳодкардаи Худоро рад мекунанд, омадани дуюми Масеҳ довариро ифода хоҳад кард.

**17,28-30** Худованд ҳамчунин гуфт, ки рӯзҳои пеш аз бори дуюм зоҳир шудани Ӯ ба рӯзҳои *Лут* монанд хоҳанд шуд. Тамаддун дар ин давра хеле пеш рафта буд; мардум на танҳо *мехӯрданд ва менӯшиданд,* балки ҳамчунин *мехариданд, мефурӯхтанд, мекоштанд, месохтанд.* Ин кӯшиши барпо намудани асри тиллоӣ, бе Худо ба осудагӣ ва пешрафт комёб шудан буд. *Дар* худи ҳамон *рӯзе ки Лут* бо занаш ва духтаронаш *аз Садӯм баромад,* ба ин шаҳри пургуноҳ *оташ ва кибрит аз осмон борид ва ҳамаро нобуд кард. Дар рӯзи зоҳир шудани Писари Одам низ чунин мешавад.* Онҳое, ки дар пайи ҳаловат бурдан, хушнуд кардани худ ва савдогарӣ мебошанд, нобуд карда хоҳанд шуд.

**17,31** Ин *рӯзе* мешавад, ки дилбастагӣ ба чизҳои заминӣ ҳаёти одамро зери хатар мегузорад. Агар касе *бар бом* бошад, пас ӯ бояд барои халос кардани чизҳои *хонаи* худ кӯшиш накунад. Он касе ки *дар киштзор* мебошад, бояд ба хонаи худ *барнагардад.* Вай бояд аз он ҷойҳое ки доварӣ бар он меафтад, гурезад.

**17,32** Ҳарчанд *зани Лут* аз Садӯм қариб бо зӯрӣ бурда шуд, дилаш ба ин шаҳр тааллуқ дошт. Дар ин бора ин далел шаҳодат медиҳад, ки вай *ба ақиб* нигоҳ кард. Вай аз Садӯм баромад, вале Садӯм аз вай набаромад. Дар натиҷа Худо ӯро ба сутуни намак табдил дода нобуд кард.

**17,33** Ҳар кӣ барои раҳондани ҷони худ кӯшиш кунад, ба тавре ки дар бораи бехатарии ҷисмонӣ хавотир кашад ва дар бораи рӯҳи худ ғамхорӣ нанамояд, *онро барбод* медиҳад. Баръакс, ҳар кӣ ҳаёти худро дар ин давраи Мусибати бузург аз боиси садоқат ба Худованд *барбод диҳад,* дар ҳақиқат онро барои абадият нигоҳ медорад.

**17,34-36**[47] Омадани Худованд замони ҷудо кардан мегардад. *Ду нафар дар як ҷогаҳ* хоб мераванд. *Яке* барои доварӣ *гирифта мешавад. Дигаре,* имондор, бахшида мешавад, то ба Подшоҳии Масеҳ ворид шавад. *Ду зан якҷоя бо дастос* кор хоҳанд кард; *яке,* беимон, дар тӯфони қаҳру ғазаби Худо *гирифта мешавад; дигаре,* фарзанди Худо, *гузошта мешавад,* то ки аз меҳрубониҳои Подшоҳии Ҳазорсола бо Масеҳ лаззат барад.

Дар воқеъ, оятҳои 34 ва 35 тасдиқ менамоянд, ки замин даврашакл аст. Он факт, ки дар як қисми замин шаб, дар қисми дигар бошад рӯз аст (ки машғулиятҳои зикршуда оид ба он шаҳодат медиҳанд), далелҳои илмиро, ки танҳо баъд аз солҳои зиёд кашф гардиданд, нишон медиҳанд.

**17,37** Аз суханони Наҷотдиҳанда шогирдон дуруст фаҳмиданд, ки омадани дуюми Ӯ доварии фалокатоваре аз осмон бар ҷаҳони муртад мешавад. Бинобар ин онҳо аз *Худованд* пурсиданд, ки доварӣ *дар куҷо* воқеъ мешавад. Ӯ ҷавоб дод, ки *ҳар куҷо лошае* бошад, *каргасон дар он ҷо ҷамъ мешаванд.* Каргасон рамзи доварии оянда мебошанд. Пас, дар ҷавоб ишорат карда мешавад, ки доварӣ ба сари ҳар гуна шакли беимонӣ ва мухолифат ба Худо, дар ҳар ҷое ки онҳо бошанд, меафтад.

Дар боби 17 Худованд Исо шогирдонро огоҳӣ дод, ки онҳоро мусибатҳо ва таъқибот интизоранд. То замони омадани пуршукӯҳи Ӯ ба онҳо лозим меояд, ки аз озмоишҳои бузург гузаранд. Барои тайёр кардани онҳоро, Наҷотдиҳанда пандҳои баъдинаро медиҳад, ки ба дуо тааллуқ доранд. Дар оятҳои баъдина мо дуои бевазан, дуои фарисӣ, дуои боҷгир ва дуои гадоро меёбем.

## Е. Масал дар бораи бевазани суботкор (18,1-8)

**18,1** *Масал* дар бораи дуои бевазан онро меомӯзад, *ки кас бояд ҳамеша дуо гӯяд ва дилсард нашавад.* Ин дар асл барои ҳамаи одамон ва барои ҳар хел дуо ҳақиқат аст. Вале дар ин ҷо ин суханон маънои махсусро доранд – онҳо ба дуо дар бораи наҷоти Худо дар замони озмоиш тааллуқ доранд. Ин дуо бе *дилсардӣ* дар давраи дуру дарози пуразоби фосилаи байни зуҳури якум ва дуюми Масеҳ мебошад.

**18,2-3** Дар масал *қозии* беадолате нишон дода шудааст, ки на тарсе аз *Худо* ва на шарм

*аз мардум* дошт. *Дар он шаҳр* ҳамчунин як *бевазан буд,* ки ӯро як *душман* азоб медод. *Бевазан* ба назди қозӣ бо исрор *омада,* аз ӯ адолат металабид, то ки ӯ вайро аз муносибати ғайриинсонӣ *муҳофизат намояд.*

**18,4-5** Қозӣ нисбати далелҳои асосноки ӯ дилсахт мемонд. Он далел, ки ба он бевазан беадолатона муносибат карданд, қозиро водор намекард, ки ба тарафдории вай амал намояд. Вале омаданҳои доимии ӯ вайро ба амал водор кард. Исрор ва суботкории зан корро ба фоидаи ӯ ҳал кард.

**18,6-7** Баъд аз он *Худованд* ба шогирдон фаҳмонд, ки агар *қозии ноинсоф* аз он сабаб ба фоидаи бевазани мискин амал кард, ки вай ӯро безор карда ором нагузошт, пас *Худои* боадолат барои интихобшудагони *Худ* чӣ андоза зиёд тарафдорӣ хоҳад кард. Суханони «интихобшудагон» махсусан ба боқимондаи яҳудиён дар давраи Мусибати бузург ишорат карда метавонад, вале вай ҳамчунин ба ҳамаи имондорони мазлум дар ҳамаи давраҳо паҳн мешавад. Худо тарафдорӣ кардани онҳоро аз он сабаб ба таъхир меандозад, ки Ӯ одамонро дуру дароз тоқат мекунад, намехоҳад, то ки касе ҳалок шавад.

**18,8** Вале рӯзе меояд, вақте ки Рӯҳи Ӯ дигар ба наҷот додани одамон намекӯшад ва он гоҳ Ӯ онҳоеро, ки пайравони Ӯро ба таъқибот дучор менамоянд, ҷазо хоҳад дод. Худованд Исо ин масалро бо савол ба охир расонид: *«Лекин ҳангоме ки Писари Одам ояд, оё имонро бар замин меёбад?»* Дар ин ҷо, эҳтимол, *чунин* имоне, ки дар бевазани мискин буд, дар назар дошта шудааст. Вале ин ба он ҳам ишорат карда метавонад, ки дар замони баргаштани Масеҳ танҳо як қисми боқимонда ба ӯ содиқ хоҳад монд. Дар айни замон ҳар яки мо ба чунин имон бояд кӯшем, ки он рӯзу шаб ба Худо муроҷиат мекунад.

## Ё. Масал дар бораи фарисӣ ва боҷгир (18,9-14)

**18,9-12** *Масали* баъдина ба одамоне ирсол гардидааст, ки ба росткор будани худ боварӣ дошта, дигаронро аз худ паст шуморида, *хор мебинанд*. Шахси аввалро чун *фарисӣ* ишорат намуда, Наҷотдиҳанда заррае ҳам шубҳа нагузошт дар он ки маҳз чӣ гуна одамонро Ӯ дар назар дошт. Гарчанде фарисӣ вонамуд мекард, ки дуо мегӯяд, дар ҳақиқат ӯ бо *Худо* гап намезад. Аниқтараш ӯ аз дастовардҳои ахлоқӣ ва динии худ худситоӣ мекард. Ба ҷои он ки худро бо намунаи комили Худо муқоиса намояд ва ҳолати ҳақиқии пургуноҳи худро бинад, ӯ худро бо одамони дигари ҷамъият муқоиса мекард ва аз бартарии худ бар онҳо худситоӣ менамуд. Зуд-зуд такрор шудани ҷонишини шахсии «ман» ҳолати ҳақиқии дили ӯро ошкор менамояд: худписандӣ ва мағрурӣ.

**18,13** *Боҷгир* бошад комилан бар акси ӯст. Дар назди Худо *истода,* вай камаҳамиятии пурраи худро эҳсос мекард. Вай хоку туроб шуд. Вай *ҳатто ҷуръат надошт чашмонашро сӯи осмон баланд кунад; балки синаи худро мезаду* ба Худо дар бораи меҳрубонӣ муроҷиат намуда *мегуфт: «Худоё! Ба мани гуноҳкор раҳм кун!»* Вай дар бораи худ на чун як гуноҳкор дар байни аксарият, балки чун дар бораи чунин гуноҳкоре фикр мекард, ки лоиқ нест аз Худо ягон чиз гирад.

**18,14** Худованд Исо ба шунавандагони Худ хотиррасон намуд, ки, бар акси аломатҳои зоҳирии одамӣ, маҳз чунин рӯҳи фурӯтанӣ ва тавба ба Худо мақбул аст. Маҳз боҷгир *сафед шуда ба хонаи худ рафт.* Худо фурӯтанонро сарфароз менамояд, вале онҳоеро, ки худро мадҳ мекунанд, паст мекунад.

## Ж. Исо ва кӯдакони хурд (18,15-17)

**18,15-17** Ин ҳодиса суханони дар боло гуфташударо тасдиқ менамояд ва маҳз онро, ки барои ба *Подшоҳии Худо* ворид шудан, фурӯтании кӯдакони хурдро доштан зарур аст. Дар атрофи Худованд Исо модарон бо *кӯдакон* барои аз Ӯ баракат гирифтан ҷамъ омаданд. Ба ҷадвали Наҷотдиҳанда *ин гуна* ворид шудани одамон *шогирдонро* андӯҳгин кард. Вале Исо онҳоро сарзаниш кард ва меҳрубонона *кӯдаконро ба назди* Худ даъват намуд ва чунин гуфт: *«Подшоҳии Худо аз они чунин касон аст»*. Ояти 16 ба ин савол ҷавоб медиҳад: Вақте ки кӯдакон мемиранд бо онҳо чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Ҷавоб чунин аст: Онҳо ба осмон мераванд. Худованд аниқ гуфт: *«Подшоҳии Худо аз они чунин касон аст»*.

Кӯдакон дар синни хеле хурд наҷот ёфта метавонанд. Чунин синну сол, эҳтимол, дар

ҳар як ҳодисаи ҷудогона гуногун аст, вале ҳақиқат амри воқеист: ба ҳар як кӯдаке ки ба назди Исо омадан мехоҳад, ҳар қадар хурд бошад ҳам, кардани инро иҷозат додан ва ҳамчунин имони ӯро рӯҳбаланд кардан лозим аст.

Барои наҷот ба даст овардан ба кӯдакон калонсол шудан лозим нест, ба калонсолон бошад, барои *дохил шудан ба Подшоҳии* Худо, содагии имон ва фурӯтании *кӯдакон* лозим аст.

### 3. Сардори ҷавони сарватманд (18,18-30)

**18,18-19** Дар ин порча дар бораи одаме ки Подшоҳии Худоро чун кӯдак қабул накард, сухан меравад. Боре *сардоре* ба назди Худованд Исо омад, Ӯро *Устоди некӯ* номид ва пурсид, *ки ӯ чӣ кунад, то ворисӣ ҳаёти абадӣ* гардад. Наҷотдиҳанда пеш аз ҳама ба ӯ дар бораи истифодаи унвони *«Устоди некӯ»* савол дод. Исо ба ӯ хотиррасон намуд, ки танҳо як худи *Худо некӯст.* Худованди мо инкор намекард, ки Ӯ Худост, вале мехост сардор ҳам ин далелро эътироф намояд. Агар Ӯ некӯ бошад, пас бояд Худо бошад, зеро моҳиятан танҳо як худи Худо некӯст.

**18,20** Пас аз он Исо ба саволе ҷавоб дод, ки барои ворисӣ ҳаёти абадӣ шудан чӣ кор кардан лозим аст. Мо медонем, ки ҳаёти ҷовидонаро бо иҷро кардани амалҳои нек ба даст намеоваранд ва *ворис* намешаванд. Ҳаёти ҷовидона атои Худо аз рӯи аст ба Исои Масеҳ аст. Худованд Исо сардорро ба Даҳ *фармуда* нигаронида дар назар надошт, ки одам ба воситаи риояи шариат наҷот ёфта метавонад. Баръакс, Ӯ шариатро барои он истифода бурд, ки одамро дар гуноҳ фош намояд. Худованд Исо панҷ *фармударо,* ки ба уҳдадории мо нисбат ба наздикон тааллуқ дорад – лавҳи дуюми шариатро – иқтибос овард.

**18,21-23** Шояд, шариат ба ҳаёти одам таъсири фошкунандаро ба вуҷуд наовард, зеро ки вай ҳавобаландона изҳор намуд, ки ин фармудаҳоро *аз кӯдакӣ нигоҳ доштааст.* Исо гуфт, ки ба ӯ *чизе* намерасад – муҳаббат ба наздикон. Агар ӯ дар ҳақиқат ин фармудаҳоро нигоҳ медошт, пас ӯ ҳамаи молу мулки худро мефурӯхт ва ба *камбағалон* тақсим мекард. Вале гап дар он аст, ки вай наздикони худро ба монанди худ дӯст намедошт. Ӯ худпарастона зиндагӣ мекард ва наздикони худро дӯст намедошт. Инро он далел исбот менамояд, ки, суханони Масеҳро *шунида, ӯ хеле ғамгин шуд, зеро ки беҳад сарватманд буд.*

**18,24** Ба ӯ нигоҳ карда, Худованд *Исо* гуфт, ки *ба Подшоҳии Худо* ворид шудани *сарватмандон* чӣ гуна душвор аст. Сарватманд буда, сарватро дӯст надоштан ва ба он такя накардан душвор аст.

Ин порча саволеро мебардорад, ки ҳам масеҳиён, ҳам беимононро ба ташвиш меоварад. Оё гуфтан мумкин аст, ки мо дар ҳақиқат наздикони худро дӯст медорем, агар мо дар фаровонӣ ва роҳат зиндагонӣ кунем, дар ҳоле ки дигарон хабари Масеҳро нашунида ҳалок мешаванд?

**18,25** Исо гуфт, ки *аз сӯрохии сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватманд ба Подшоҳии Худо дохил шавад.* Ба ин арз шарҳи зиёде дода шуда буд. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки сӯрохии сӯзан – даричаи хурди дохилӣ дар девори шаҳр аст, ки аз он шутур танҳо ба зону истода гузашта метавонад. Вале табиб Луқо калимаеро истифода мебарад, ки он аниқ сӯзани ҷарроҳро ифода мекунад, ва маънои суханони Худованд возеҳу равшан аст. Ба ибораи дигар, чунон ки *шутур аз сӯрохии сӯзан гузаштан* наметавонад, ҳамчунин *ба Подшоҳии Худо ворид шудани сарватмандон* имконнопазир аст. Аҳамияти ин суханонро бо он, ки одами сарватманд бо кӯшишу ғайрати шахсии худ ба Подшоҳӣ ворид шуда наметавонад, шарҳ додан кофӣ нест; ин ҳам ба сарватмандон ва ҳам ба камбағалон дахл дорад. Дар ин ҷо маънӣ дар он аст, ки ба Подшоҳии Худо ворид шудани одами *сарватдор ғайриимкон аст.* То даме ки вай фаровонии худро худои худ меҳисобад ва имкон медиҳад, ки он дар байни ӯ ва наҷоти ҷони ӯ истад, ӯ тавба карда наметавонад. Далели одии ин масъала дар он аст, ки хеле кам сарватмандон наҷот ёфтаанд ва онҳое ки наҷот ба даст меоваранд, аввал бояд дар назди Худо дилшикаста шаванд.

**18,26-27** Ҳангоме ки шогирдон дар бораи ҳамаи ин фикр мекарданд, дар онҳо саволе ба вуҷуд омад, *пас кӣ метавонад наҷот ёбад.* Барои онҳо сарват ҳамеша аломати баракати Худо буд (Так. Шар. 28,1-8). Агар яҳудиёни сарватманд наҷот наёфта бошанд, пас кӣ метавонад наҷот ёбад? Худованд ҷавоб дод, ки *Худо* он кореро, ки одамон карда наметавонанд,

карда метавонад. Ба ибораи дигар, Ӯ аз мулкдори бахил, ҳарис, сангдил рӯҳи сарватдӯстдориро дур карда ва онро бо муҳаббати ҳақиқӣ ба Худованд иваз карда метавонад. Ин муъҷизаи файзи илоҳист.

Инак, тамоми ин қисм масъалаҳоеро мебардорад, ки фарзандони Худоро ба ташвиш меоваранд. Ғулом аз Хоҷаи худ болотар нест; Худованд Исо сарватҳои осмонии Худро тарк кард, то ки ҷонҳои пургуноҳи моро наҷот диҳад. Дар ҷаҳоне ки Ӯ мискин буд, сарватманд будани мо бемаврид аст. Қимати ҷонҳо, наздикии омадани Масеҳ, қудрати муҳаббати Масеҳ моро бояд ба он ҳидоят намоянд, ки ҳамаи сарватҳои моддии имконпазирро ба кори Худованд саҳмгузорӣ намоем.

**18,28-30** Ҳангоме ки *Петрус* ба Худованд хотиррасон намуд, ки шогирдон хона ва оилаҳои худро *тарк карданд,* то ки ба Ӯ пайравӣ намоянд, Худованд гуфт, ки чунин ҳаёти фидокорона дар ҳаёти ҳозира фаровон мукофотонида мешавад ва дар абадият мукофоти баъдина ба даст меоварад. Қисми охирини ояти 30 (ва *дар давраи оянда ҳаёти абадӣ)* онро ифода намекунад, ки ҳаёти ҷовидонӣ бо рад кардани ҳама чиз ба даст оварда мешавад; дар ин ҷо, аниқтараш, ба имконияти зиёди лаззат бурдан аз ҷалоли осмонҳо ва ҳамчунин ба мукофоти бузург дар Подшоҳии осмонӣ ишорат карда мешавад. Ин «амалишавии пурраи ҳаёт, ки он дар давраи имон овардан ба даст омадааст, яъне ҳаёти фаровон»-ро ифода мекунад.

## И. Исо аз нав марг ва растохези Худро пешгӯӣ мекунад (18,31-34)

**18,31-33** Бори сеюм Худованд *дувоздаҳ* шогирдонро *назди Худ хонда,* ба онҳо дар бораи ҳамаи он чи Ӯро интизор аст, муфассал нақл намуд (ниг. боби 9,22.44). Ӯ уқубатҳои Худро чун иҷроиши *он чи бо забони пайғамбарон* дар Аҳди Қадим *навишта шудааст,* пешгӯӣ намуд. Бо пешбинии илоҳӣ Ӯ оромона пешгӯӣ намуд, ки *Ӯ ба дасти ғайрияҳудиён супурда мешавад.* «Бештар имконпазир буд, ки Ӯро пинҳонӣ мекушанд ё дар байни мардум сангсор мекунанд».[48] Вале пайғамбарон пешгӯӣ намуданд, ки Ӯро ба ғайрияҳудиён таслим мекунанд ва *Ӯро масхара мекунанд* ва Ӯро *ҳақорат медиҳанд* ва Ӯро *туфборон мекунанд* ва бояд чунин ба амал ояд. Ӯро тозиёна мезананд ва мекушанд, вале *дар рӯзи сеюм Ӯ бармехезад.*

Дар бобҳои боқимонда фоҷиае, ки онро Ӯ ба ин андоза ба тарзи аҷиб пешакӣ донист ва пешгӯӣ намуд, кушода мешавад:

*Инак, мо сӯи Уршалим меравем* (18,35-19,45).

*Писари Одам ба дасти ғайрияҳудиён супурда мешавад* (19,47-23,1).

*Ва Ӯро масхара мекунанд ва ҳақорат медиҳанд* (23,1-32).

*Ва Ӯро мекушанд* (23,33-56).

*Ва дар рӯзи сеюм бармехезад* (24,1-12).

**18,34** Он чиз хеле ба тааҷҷуб меорад, ки шогирдон *чизе аз ин нафаҳмиданд.* Маънои ин суханон барои онҳо *пӯшида* буд. Ба мо фаҳмидан душвор аст, чаро онҳо дар ин масъала ба ин андоза нофаҳм буданд, вале сабаб, эҳтимол, дар ин аст: Тафаккури онҳо бо андешаҳо оид ба наҷотдиҳандаи заминӣ, ки онҳоро аз юғи румиён озод карда, дарҳол подшоҳиро барқарор мекунад, ба андозае пур буданд, ки онҳо ягон чизи дигарро фаҳмидан намехостанд. Аксаран мо ба он чи бовар кардан *мехоҳем,* бовар мекунем ва ба ҳақиқат мухолифат менамоем, агар он ба ақидаи пешакӣ ба вуҷуд омадаи мо ҷо нагирад.

## Й. Шифоёбии гадои кӯр (18,35-43)

**18,35-37** Аз Урдун гузашта Худованд Исо аз Перея баромад. Луқо мегӯяд, ки ҳодисаи баъдина *вақте ки Ӯ ба Ариҳо наздик мешуд,* рӯй дод. Матто ва Марқӯс ба он ишорат мекунанд, ки ин вақте рӯй дод, ки Ӯ аз Ариҳо *мебаромад* (Мат. 20,29; Марқ. 10,46). Матто ҳамчунин зикр менамояд, ки ду нафар кӯр буд; Марқӯс ва Луқо дар бораи як нафар мегӯянд. Эҳтимол, Луқо дар бораи шаҳри нав менависад, Матто ва Марқӯс бошанд – дар бораи шаҳри қадима менависанд. Он чиз ҳамчунин эҳтимол дорад, ки дар ин шаҳр на як муъҷизаи бино гаштани кӯрон буд. Новобаста ба он ки шарҳи дуруст кадом аст, мо боварӣ дорем, ки агар дониши мо бузург мебуд, он гоҳ мухолифатҳои менамудагӣ нест мешуданд.

**18,38** Гадои кӯр бо кадом як тариқе *Исоро* Масеҳ шинохт, зеро ба Ӯ муроҷиат намуд ва Ӯро *Писари Довуд* номид. Ӯ аз Худованд ба

вай *марҳамат* кардан, яъне барқарор кардани биноияшро дархост намуд.

**18,39** Бо вуҷуди он ки баъзеҳо мехостанд гадоро ба хомӯш шудан маҷбур созанд, ӯ бо исрор ба Худованд Исо муроҷиат менамуд. Мардум ба гадо бепарво буданд. Вале Исо не.

**18,40-41** Инак, *Исо истод*. Дарбӣ зикри хеле амиқ мекунад: «Боре Еҳушаъ хоҳиш намуд, ки офтоб дар осмон истад, дар ин ҷо бошад, *Худованди* офтоб, моҳтоб ва осмонҳо бо хоҳиши гадои кӯр меистад». Исо фармуд, *ки вайро назди Ӯ биёранд* ва *пурсид,* ки ӯ чӣ мехоҳад. Гадо бе шакку шубҳа ё ҷамъбаст гуфт, ки мехоҳад *бино шавад*. Дуои ӯ кӯтоҳ, аниқ ва пур аз имон буд.

**18,42-43** *Исо* ба хоҳиши вай ҷавоб дод ва *ӯ дарҳол бино гашт*. Зиёда аз он, вай *Худоро ҳамду сано хонда, аз паси* Худованд *равона шуд*. Ин ҳодиса нишон медиҳад, ки мо бояд далерона ба Худо бовар кунем, ҳатто дар ба даст овардани чизи ғайриимкон. Имони бузург ба Худо шарафи бузург меоварад. Чунон ки шоире навиштааст:

*Ту назди Подшоҳ меоӣ*
*Ва аз Ӯ дархостҳои зиёд мекунӣ,*
*Вале марҳамат ва тавоноии Ӯ чунинанд,*
*Ки ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ аз ҳад зиёд пурсида наметавонад.*

Ҷон Нютон

## Й. Имон овардани Заккай (19,1-10)

Имон овардани Заккай ҳақиқатеро аз Луқо 18,27 намоиш медиҳад: «Он чи барои одамон ғайриимкон аст, ба Худо имконпазир аст». Заккай одами сарватманд буд ва одатан ба Подшоҳии Худо ворид шудани одами сарватманд имконнопазир аст. Вале Заккай худро дар назди Наҷотдиҳанда фурӯтан сохт ва иҷозат надод, ки сарват байни ҷони ӯ ва Худо истад.

**19,1-5** Ин он вақт рӯй дод, ки Худованд бори сеюм ва охирин ба Уршалим равона шуда, *аз Ариҳо мегузашт*. Маҳз ҳамон вақт *Заккай мехост* Исоро *бинад*. Шояд, ин ҷустуҷӯ аз кунҷковӣ буд. Ҳарчанд вай *сардори боҷгирон* буд, вай барои дидани Наҷотдиҳанда аз вайрон кардани баъзе шарту шароитҳо (монанди ба дарахт баромадан) шарм надошт. Азбаски *қадаш паст* буд, вай медонист, ки ба ӯ барои хуб дидани Исо халал мерасонанд. Бинобар он вай *давида пеш гузашту болои дарахти анҷире баромад,* ки дар роҳи мегузаштаи Худованд мерӯид. Ин зоҳиршавии имон пайхас нашуда намонд. Ҳангоме ки *Исо* ба он ҷо наздик шуд, *Ӯ боло нигариста* Заккайро *дид*. Ӯ ба вай фармуд, *ки зуд фуруд ояд* ва Ӯро ба *хонаи* худ даъват намояд. Ин ягона ҳодисаи ба қайд гирифташуда мебошад, ки дар он Наҷотдиҳанда Худро ба хонаи касе даъват намуд.

**19,6** Заккай чӣ тавре ки ба вай фармуда шуда буд, ҳамон тавр кард ва Худовандро *бо хурсандӣ пазироӣ намуд*. Мо ин вақтро тақрибан аниқ санаи имон овардани ӯ ҳисобида метавонем.

**19,7** Мунаққидони Наҷотдиҳанда аз Ӯ *ғур-ғур мекарданд*, зеро Ӯ ба *хонаи* одаме ки чун *гуноҳкор* машҳур буд, *меҳмон шуд*. Онҳо ба он далел таваҷҷуҳ зоҳир накарданд, ки Худованд ба ҷаҳони мо омада, фақат ба чунин хонаҳо даромада метавонист!

**19,8** Наҷот дар зиндагонии боҷгир тағйироти куллӣ ба амал овард. Вай ба Наҷотдиҳанда хабар дод, ки акнун *нисфи дороии худро ба бенавоён* доданист. (То ин дам вай аз камбағалон чизи охиринашонро кашида мегирифт.) Вай ҳамчунин аз пули ноинсофона ба даст овардааш *чор баробар* подош додан мехост. Ин зиёда аз талаботи шариат буд (Хур. 22,4.7; Иб. 6,5; Ад. 5,7). Рафтори вай нишон дод, ки ҳозир Заккайро муҳаббат роҳнамоӣ мекард, дар ҳоле ки пештар ҳарисӣ роҳнамоӣ мекард.

Заррае ҳам шакку шубҳа нест, ки Заккай сарвати худро ноинсофона ба даст оварда буд. Вуэст ояти 8-ро чунин тарҷума мекунад: «Ва азбаски ман муздро ноинсофона мегирифтам ...» Дар ин ҷо ҳеҷ гуна «агар» нест.

Суханони Заккай чунон садо медиҳанд, ки гӯё вай бо одамдӯстии худ худситоӣ менамояд ва ба он дар кори наҷоти худ умед мебандад. Вале ин асло чунин нест. Вай мегӯяд, ки зиндагонии нави вай дар Масеҳ дар ӯ хоҳиши ҷуброн намудани гузаштаро ба вуҷуд овард, ва саршори сипос барои наҷот ба Худо шуда, вай алҳол пулҳои худро барои ҷалоли Худо ва барои баракати наздикони худ сарф кардан мехост.

Ояти 8 яке аз пурқувваттарин оятҳои Навиштаи Муқаддас мебошад, ки дар бораи подош мегӯяд. Наҷот одамро аз уҳдадории дуруст кардани ҳамаи он чизе, ки дар гузашта

нодуруст карда шуда буд, озод наменамояд. Қарзҳои пеш аз замони тавба кардан гирифташуда баробари аз боло зода шудан бекор карда намешаванд. Ва агар пеш аз имон овардан пулҳо дуздида шуда бошанд, пас маънои ҳақиқии файзи Худо талаб менамояд, ки ин пулҳо пас аз он ки одам фарзанди Худо гашт, баргардонида шаванд.

**19,9** *Исо* кушоду равшан эълон намуд, ки *ба хонаи* Заккай *наҷот омадааст,* чунки вай низ *писари Иброҳим аст.* Наҷот на барои он омад, ки Заккай яҳудинажод буд. Дар ин ҷо ифодаи «писари Иброҳим» на ба нажоди табиӣ, балки ба як чизи бузургтаре ишорат менамояд; вай онро ифода мекунад, ки Заккай ҳамон хел имон ба Худованд дошт, ки Иброҳим дошт. Наҷот ба хонаи Заккай ҳамчунин дар натиҷаи меҳрубонии вай ва баргардониданӣ қарзҳояш (ояти 8) наомадааст. Ҳамаи ин амалҳо натиҷаи наҷот мебошанд, на сабаби он.

**19,10** Ба шахсоне, ки Ӯро барои ташрифаш ба хонаи гуноҳкор мазаммат мекарданд, ҷавоб дода, Исо гуфт: *«Писари Одам омадааст, ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад».* Ба ибораи дигар, имон овардани Заккай иҷро шудани мақсади омадани Масеҳ ба ин ҷаҳон буд.

## К. Масал дар бораи даҳ мино (19,11-27)

**19,11** Вақте ки Наҷотдиҳанда аз Ариҳо баромада ба *Уршалим* наздик мешуд, аксари пайравони Ӯ *гумон мекарданд, ки ба зудӣ бояд Подшоҳии Худо падид ояд.* Дар *масал* дар бораи даҳ мино Ӯ чунин умедҳои онҳоро беэътибор кард. Ӯ нишон дод, ки дар байни омадани аввалин ва дуюмини Ӯ фосилаи вақте мешавад, ки дар давоми он шогирдон бояд барои Ӯ меҳнат кунанд.

**19,12-13** Масал дар бораи *шахси асилзода* бо қиссаи Аркилоус монандиҳо дорад. Ҳиродус вайро ворисӣ худ интихоб намуд, вале халқ ӯро рад намуд. Вай ба Рум равона шуд, то вазифаи худро тасдиқ намояд ва баргашта хизматгорони худро мукофотонид ва душманони худро несту нобуд кард.

Дар ин масал *шахси асилзода* Худи Худованд Исост, ки ба осмонҳо *рафт* дар интизории замоне ки *баргардад* ва *Подшоҳии* Худро дар замин барқарор кунад. *Даҳ ғулом* шогирдони Ӯро нишон медиҳанд. Ба ҳар яки онҳо Ӯ яктоӣ мино дод ва фармуд, ки то омадани Ӯ бо ин мино *хариду фурӯш* кунанд. Агарчи истеъдодҳову қобилиятҳои ходимони Худованд гуногунанд (ниг. масал оид ба истеъдодҳо, Мат. 25,14-30), онҳо як чизи умумӣ доранд: афзалияти мужда расондан ва Масеҳро ба ин ҷаҳон намояндагӣ намудан ва ҳамчунин афзалияти дуо гуфтан. Мино, бешубҳа, дар бораи ҳамин аст.

**19,14** *Аҳли шаҳр* тимсоли оммаи асосии халқи яҳудӣ мебошанд. Онҳо на танҳо Ӯро рад карданд, балки ҳатто пас аз рафтани Ӯ *аз ақиби вай намояндагон фиристоданд, то гӯянд: «Намехоҳем, ки вай бар мо подшоҳӣ кунад».* Намояндагон дар бораи муносибати онҳо ба хизматгорони Масеҳ, ба монанди Истефанус ва дигар риёзаткашон, ишорат менамояд.

**19,15** Дар ин ҷо мо тимсоли онро мебинем, ки чӣ тавр Худованд барои барқарор намудани Подшоҳии Худ бармегардад. Баъд Ӯ бо касоне ки *ба онҳо пул дода буд,* ҳисобу китоб хоҳад кард.

Имондорони асри ҳозира дар назди Курсии Доварии Масеҳ ҳозир мешаванд, то ки дар бораи хизмати худ ҳисобот диҳанд. Ин дар осмонҳо баъд аз болошавӣ ба амал меояд.

Боқимондаи яҳудиёни имондор, ки онҳо дар бораи Масеҳ дар давраи Мусибати бузург шаҳодат медиҳанд, дар зуҳури дуюми Масеҳ ба ҳисобот додан даъват карда мешаванд. Аз афташ, дар ин порча пеш аз ҳама маҳз ҳамин доварӣ дар назар дошта шудааст.

**19,16** Ғуломи *якум* аз як мино, ки ба ӯ дода шуда буд, *даҳ мино фоида* ба даст овард. Вай дарк намуд, ки ин пули ӯ нест *(«минои ту»)* ва онҳоро ба тариқи хеле хуб барои фоидаи мақсадҳои хоҷаи худ истифода бурд.

**19,17** Хоҷа вайро барои он ки вай *ба чизи андак боваринок буд,* таъриф кард – хотиррасонкунӣ дар бораи он ки бо тамоми қувва меҳнат намуда, мо ба ҳар ҳол ғуломони ношоям ҳастем. Ба сифати мукофот вай бар *даҳ шаҳр ҳоким шуд.* Комилан аён аст, ки мукофот барои хизмати содиқона бо ҳукмронӣ дар Подшоҳии Масеҳ алоқаманд аст. Ҳудудҳое ки дар он шогирд ҳукмронӣ хоҳад кард, бо андозаи ба хизмат бахшида шудан ва худсупории вай муайян карда мешавад.

**19,18-19** *Ғуломи дуюм* аз як *минои* ба ӯ дар ибтидо додашуда *панҷ мино* ба даст овард. Мукофоти вай *ҳокими панҷ шаҳр шудан* аст.

**19,20-21** Сеюмӣ ба ғайр аз худсафедкунӣ чизе наовард. Вай *миноро,* ки бо эҳтиёт *ба рӯймоле печонда нигоҳ медошт,* баргардонд. Бо ин вай ҳеҷ чиз ба даст наовард. Чаро? Вай ҳатто хоҷаро айбдор намуд. Вай гуфт, ки хоҷа *шахси сахтгир* аст, ки умед дорад бе хароҷот фоида ба даст оварад. Вале ӯро суханони худаш маҳкум карданд. Агар вай меандешид, ки шахси асилзода маҳз ҳамин хел аст, пас камтарин чизе ки вай карда метавонист, як миноро ба муомилот додан буд, то ки он ягон миқдор фоида оварад.

**19,22** Суханони одами ашрофзодаро мисол оварда, Исо эътироф накард, ки онҳо ҳақиқат буданд. Маҳз дили пургуноҳи ғулом хоҷаро дар танбалӣ айбдор намуд. Вале агар вай дар ҳақиқат ба баҳонааш бовар мекард, ба таври муносиб амал карданаш лозим меомад.

**19,23** Ояти 23, чуноне ки менамояд, пандро дар бар мегирад, то ки мо ё ҳама чизи доштаамонро ба меҳнат барои Худованд саҳмгузорӣ намоем, ё онро ба ягон касе ки онро барои Ӯ истифода мебарад, диҳем.

**19,24-26** Ҳукми хоҷа ба ғуломи сеюм чунин аст: *Аз ӯ миноро гирифта* онро ба ғуломи якум, ки *даҳ мино* ба даст овард, *диҳед.* Агар мо имкониятҳоямонро барои Худованд истифода набарем, пас онҳо аз мо кашида гирифта хоҳанд шуд. Аз тарафи дигар, агар мо дар андак чиз боваринок бошем, пас Худо ғамхорӣ хоҳад кард, то ки мо ҳеҷ гоҳ дар маблағ камбудӣ надошта бошем ва ба Ӯ боз бештар хизмат карда тавонем. Баъзеҳо шояд ноҳақ меҳисобанд, ки мино ба одаме, ки вай аллакай *даҳто мино* дошт, дода шуд, вале дар зиндагии рӯҳонӣ қоидаи устуворе ҳаст, ки мувофиқи он ба ҳамаи онҳое, ки Худовандро дӯст медоранд ва бо эҳтимом ба Ӯ хизмат мекунанд, имкониятҳои вусъатёбанда дода мешаванд. Рад кардани истифодаи имкониятҳо боиси аз даст додани ҳамаи онҳо мегардад.

Ғуломи сеюм аз мукофот маҳрум гашт, вале гуфта нашудааст, ки вай ягон хел ҷазои дигар гирифта бошад. Дар ин ҷо, аз афташ, масъалаи наҷоти ӯ ба миён намеояд.

**19,27** Аҳли шаҳр, ки шахси асилзодаро ҳокими худ эътироф кардан намехостанд, чун *душманон* фош карда шуданд ва ба марг маҳкум карда шуданд. Дар ин суханон пешгӯии андӯҳовари тақдири халқе мебошад, ки Масеҳро рад кард.

## X. ПИСАРИ ОДАМ ДАР УРШАЛИМ (19,28–21,38)

### A. Воридшавии ботантана (19,28-40)

**19,28-34** Якшанбеи пеш аз маслубкунӣ фаррасид. Исо ба нишебии шарқии кӯҳи Зайтун, қариби *Уршалим,* наздик шуд. *Чун Ӯ ба Байт-Фоҷӣ ва Байт-Анё наздик омад, ду шогирди худро* ба деҳае *фиристод,* то ки онҳо харкурраеро барои воридшавии Ӯ ба Уршалим ёфта оранд. Ӯ гуфт, ки маҳз дар куҷо ҳайвонро меёбанд ва *соҳибонаш* чӣ мегӯянд. Вақте ки онҳо моҳияти вазифаи худро фаҳмониданд, соҳибон бо майли том хари худро барои эҳтиёҷоти Исо доданд. Эҳтимол, онҳо пештар баракатро ба воситаи хизмати Худованд эҳсос намуда буданд ва ба Ӯ ёрии худро пешниҳод намуданд, ҳар вақте ки ба Ӯ лозим шавад.

**19,35-38** Шогирдон *ҷомаҳои худро* ба болои хар афканда, барои Худованд тайёр карданд. Вақте ки Ӯ аз доманаи ғарбии кӯҳи Зайтун ба Уршалим раҳсипор шуд, бисёриҳо *дар роҳ* дар назди Ӯ *ҷомаҳои худро мегустурданд.* Баъд пайравони Исо якдилона *Худоро барои ҳамаи мӯъҷизаҳое, ки* Ӯ ба амал оварда буд ва *онҳо дида буданд, ситоиш кардан гирифтанд.* Онҳо Ӯро чун *Подшоҳи* Худо шодбош мегуфтанд ва ҳамду сано мехонданд, ки натиҷаи омадани Ӯ *осоиш дар осмон ва ҷалол дар арши аъло* буд. Қобили зикр аст, ки онҳо на «осоиштагӣ дар замин», балки *«осоиш дар осмон»* мегуфтанд. Дар замин осоиш буда наметавонист, зеро ки Мири осоиш рад карда шуда буд ва ба зудӣ маслуб карда шуданаш лозим буд. Вале *дар осмон осоиш* хоҳад шуд – чун натиҷаи марги дар пеш истодаи Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто ва болошавии Ӯ ба осмон.

**19,39-40** *Фарисиён* аз он ба ғазаб омада буданд, ки ба Исо чунин эҳтироми самимӣ нишон медоданд. Онҳо талаб мекарданд, ки Ӯ *шогирдони* Худро *манъ кунад.* Вале Ӯ ба онҳо *ҷавоб* дод, ки чунин истиқбол ногузир буд. Агар шогирдон ин корро накунанд, *сангҳо фарёд мекунанд!* Бо худи ҳамин Ӯ фарисиёнро барои он сарзаниш кард, ки онҳо нисбат ба сангҳои беҷон сахттар ва номеҳрубонтар будаанд.

### Б. Писари Одам барои Уршалим мегиряд (19,41-44)

**19,41-42** Ҳангоме ки Исо ба Уршалим *наздик омад,* барои *шаҳр,* ки имконияти тиллоии худро аз даст дод, гиря кард. Агар мардум Ӯро чун Масеҳ қабул мекарданд, ин боиси *осоиши* онҳо мегардид. Вале онҳо эътироф накарданд, ки Ӯ сарчашмаи *осоиш* мебошад. Акнун бошад, хеле дер шуда буд. Онҳо аллакай ба қарор омаданд, ки бо Писари Худо чӣ кор мекунанд. Азбаски онҳо Худовандро рад намуданд, *чашмони* онҳо кӯр карда шуданд. Азбаски онҳо Ӯро дидан нахостанд, акнун онҳо дигар Ӯро наметавонистанд бинанд.

Дар ин ҷо бозистода дар бораи муъҷизаи ашки Наҷотдиҳанда андеша намоед. Чунон ки В. Ҳ. Гриффит Томас гуфтааст: «Биёед дар пеши пойҳои Масеҳ менишинем, то даме ки сирри ашки Ӯро фаҳмем ва, ба гуноҳҳо ва азобу уқубатҳои шаҳр ва атрофи он нигоҳ карда, ҳамчунин барои он гиря кунем».[49]

**19,43-44** Исо дар бораи муҳосираи Титус огоҳии ҷиддӣ кард. Ӯ тасвир намуд, чӣ тавр сипоҳи ин сарлашкари румӣ ба муқобили шаҳр *сангарҳо* сохта, сокинони онро муҳосира мекунанд, хурдон ва пиронро мекушанд, деворҳо ва биноҳоро хароб мекунанд. Дар шаҳр *санге бар санге намегузоранд.* Ва ҳамаи ин аз он сабаб ки Уршалим *вақти дидори Худовандро бо худ надонист.* Худованд ба шаҳр бо атои наҷот ташриф овард. Вале одамон Ӯро қабул кардан нахостанд. Дар нақшаҳои онҳо барои Ӯ ҷой набуд.

### В. Бори дуюм пок кардани ибодатгоҳ (19,45-46)

**19,45-46** Исо *ибодатгоҳро* дар ибтидои хизмати Худ дар назди мардум пок намуд (Юҳ. 2,14-17). Акнун, вақте ки хизмати Ӯ босуръат ба итмом мерасид, вай ба ибодатгоҳи муқаддас ворид шуд ва *ба берун рондани* онҳое *сар кард,* ки *хонаи дуоро дуздхона* кардаанд. Ҳамеша хатари ворид сохтани тиҷорат ба он чи ба Худо тааллуқ дорад, вуҷуд дорад. Масеҳиёни имрӯза ба ин офат гирифторанд: бозорҳои калисоӣ ва маъракаҳо, корҳои муташаккили пулӣ, мавъиза бахри ба даст овардани даромад – ва ҳамаи ин ба номи Масеҳ.

Амалиёти Худро асоснок карда, Масеҳ ба Навиштаи Муқаддас такя кард (Иш. 56,7 ва Ирм. 7,11). Ҳар гуна ислоҳоти суиистеъмол дар Калисо бояд дар Каломи Худо асос ёбад.

### Г. Таълими ҳаррӯза дар парастишгоҳ (19,47-48)

**19,47-48** Исо *ҳар рӯз дар ибодатгоҳ таълим медод* – на дар дохили он, балки дар ҳавлӣ, ки ба он ҷо мардум роҳ дода мешуданд. Сарварони динӣ ягон хел баҳона меҷустанд, то *Ӯро нобуд кунанд,* вале *мардуми* одӣ то ба ҳол мафтуни Носирӣ буданд, ки Ӯ муъҷиза меофарид. Вақту соати Ӯ ҳоло нарасида буд. Аммо ба зудӣ соате мерасад, ва он гоҳ *саркоҳинон, китобдонон ва* фарисиён барои куштор бо ҳам наздик мешаванд.

Ин рӯзи душанбе буд. Рӯзи дигар, рӯзи сешанбе, ки рӯзи охирини таълими ҷамъиятии Ӯ хоҳад буд, дар боби 20,1 то 22,6 тасвир ёфтааст.

### Ғ. Масъалаи қудрати Писари Одам (20,1-8)

**20,1-2** Чӣ манзарае! Устоди бузург Хушхабарро хаста нашуда дар сояи *ибодатгоҳ* эълон менамояд, пирони Исроил бошанд ҳуқуқи таълим додани Ӯро густохона ба зери шубҳа мегузоранд. Барои онҳо Исо дуредгари одӣ аз Носира буд. Ӯ маълумоти олӣ, унвонҳои академикӣ, ваколати муассисаи диниро надошт. Ӯ чӣ гуна ваколатномаҳо дошт? *Кӣ* ба Ӯ *ин ҳуқуқи* таълим додан ва ба дигарон мавъиза намудан ва пок кардани ибодатгоҳро *додааст?* Онҳо донистан мехостанд!

**20,3-8** Исо *дар ҷавоби онҳо* савол дод; ва агар онҳо ба он дуруст ҷавоб медоданд, ба саволи худ низ ҷавоб мегирифтанд. Оё *таъмиди Яҳёро* Худо писандида буд, ё фақат бо хости инсон ба амал оварда мешуд? Онҳо дармонданд. Агар онҳо эътироф кунанд, ки Яҳёро Худо барои мавъиза кардан тадҳин карда буд, пас чаро онҳо суханони вайро гӯш накарданд, тавба накарданд ва Масеҳро, ки вай дар бораи Ӯ эълон намуд, қабул накарданд? Агар онҳо гӯянд, ки Яҳё фақат танҳо боз як мавъизагари ихтисоснок буд, қаҳру ғазаби оммаро

меоваранд, зеро онҳо *Яҳёро пайғамбари* Худо медонистанд. Бинобар ин онҳо гуфтанд: *«Намедонем* Яҳё қудрати худро *аз куҷо* гирифт». Исо ҷавоб дод: «Дар ин ҳол *Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки бо кадом ҳуқуқ* таълим медиҳам». Агар онҳо дар бораи Яҳё ҳеҷ чиз гуфта наметавониста бошанд, пас чаро онҳо ҳуқуқи Онеро, ки аз Яҳё бузургтар буд, ба зери шубҳа мегузоранд? Ин порча нишон медиҳад, ки қисми таркибии асосии мавъизаи Каломи Худо иборат аз пур шудан бо Рӯҳулқудс аст. Касе ки дорои чунин ато мебошад, бар онҳое ки қудраташон дар унвонҳо, дараҷаҳо ва ифтихороти инсонӣ мебошад, ғолиб мебарояд.

Шумо дипломи худро дар куҷо гирифтед? Кӣ шуморо дастгузорӣ намуд? Ин саволҳои кӯҳна, ки шояд дар асоси онҳо ҳасад ниҳон аст, ҳозир ҳам дода мешаванд. Истеъдод ва ҳаққонияти даъвати илоҳии мавъизагари бобарор, ки дар факултаи илоҳиётшиносии ягон донишгоҳи машҳур ё ягон ҷои дигар таҳсил накардааст, дар зери шубҳа гузошта мешавад.

### Д. Масал дар бораи токдорони бадкор (20,9-18)

**20,9-12** Дар *масал* оид ба *токзор* бори дигар нақл карда мешавад, ки Худо пайваста барои халқи Исроил ғам мехӯрад. Худо *шахсест,* ки *токзори* худро (Исроил) ба истифода *ба токдорон* (ба сардорони халқ – ниг. Иш. 5,1-7) *супурд. Ӯ ба назди токдорон* ғуломонро мефиристод, то ки онҳо ба Ӯ *аз меваи токзор* диҳанд; ин ғуломон пайғамбарони Худо, ба монанди Ишаъё ва Яҳёи Таъмиддиҳанда мебошанд, ки Исроилро ба тавба кардан ва имон овардан даъват менамуданд. Лекин ҳокимони Исроил якзайл пайғамбаронро таъқиб мекарданд.

**20,13** Ниҳоят Худо *Писари дӯстдоштаи* Худро фиристод, бо умеди он ки онҳо аз Ӯ *шарм медоранд* (агарчи Худо албатта медонист, ки Масеҳ рад карда мешавад). Диққат диҳед, ки Масеҳ аз ҳама дигарон фарқ мекунад. Онҳо ғулом буданд, Ӯ – Писар.

**20,14** *Токдорони* ба гузаштаи худ содиқ қарор доданд *ворисро* кушанд. Чун сардорон ва муаллимони халқ онҳо дорои ҳуқуқҳои махсус будан мехостанд – *«то ки мерос аз они мо шавад».* Онҳо асло мансабҳои динии худро ба Исо гузашт кардан намехостанд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки агар Ӯро кушанд, пас ҳеҷ чиз ба ҳукмронии онҳо бар Исроил таҳдид карда наметавонад.

**20,15-17** *Ва ӯро аз токзор бароварда, куштанд.* Дар ин ҷо Исо аз шунавандагони яҳудии худ пурсид, ки *пас, соҳиби токзор* бо ин токдорони бадкор *чӣ мекунад.* Дар Инҷили Матто саркоҳинон ва пирон «вай онҳоро мекушад» гуфта ҷавоб дода, худашонро маҳкум карданд (Мат. 21,41). Дар ин ҷо Худованд Худаш ҷавоб дод: *«Вай омада, он токдоронро нобуд мекунад ва токзорро ба дигарон месупорад».* Ин онро ифода мекард, ки яҳудиёни радкунандаи Масеҳ несту нобуд карда мешаванд, Худо бошад ҷои имтиёзнокро *ба дигарон* медиҳад. «Дигарон» ба ғайрияҳудиён ё ба Исроили аз нав зодашудаи рӯзи вопасин дахл дошта метавонад. Яҳудиён чунин суханонро шунида як қад париданд. *«Чунин набод!» – гуфтанд* онҳо. Худованд аз Забур 117,22 иқтибос оварда, ин пешгӯиро тасдиқ намуд. *Меъморони* яҳудӣ Масеҳро, Сангро *рад карданд.* Барои Ӯ дар нақшаҳои онҳо ҷой ёфт нашуд. Лекин Худо қарор дод, ки Ӯ аз ҳама боло хоҳад буд ва Ӯро *санги сари гӯша* кард, Санге ки зарурист ва ба Ӯ шарафи бузург дода шудааст.

**20,18** Дар ин оят ба ду омадани Масеҳ ишорат ҳаст.[50] Омадани аввалини Ӯ чун *санг* дар замин ишорат шудааст; одамон бар залилӣ ва фурӯтании Ӯ пешпо хӯрданд ва *пора-пора* шуданд, зеро Ӯро рад карданд. Дар қисми дуюми ин оят санг аз осмон меафтад ва беимононро ба хок яксон мекунад.

### Е. Масъалаи хироҷ (20,19-26)

**20,19-20** *Саркоҳинон ва китобдонон* фаҳмиданд, ки Исо инро *дар ҳаққи онҳо мегӯяд,* бинобар ин боз ҳам бештар имконият меҷустанд Ӯро *дастгир кунанд.* Онҳо одамони маккорро пинҳонӣ *фиристоданд,* то ки онҳо Исоро дар сухан иғво андозанд, то Ӯро ҳабс карда ба маҳкамаи *ҳокими* румӣ супурдан мумкин бошад. Ин одамони маккор дар ибтидо Ӯро барои садоқати устувор ба Худо ва бебокӣ дар назди одамон таъриф карданд, ба умеди он ки Ӯ ба муқобили қайсар ягон чиз мегӯяд.

**20,21-22** *Ва онҳо аз Ӯ пурсиданд,* оё *ба қайсар андоз додани* яҳудиён дуруст аст. Агар Исо ҷавоби рад медод, он гоҳ онҳо Ӯро дар

хиёнат айбдор мекарданд ва ба дасти румиён барои доварӣ медоданд. Агар Ӯ ҷавоби мусбат медод, он гоҳ барои чунин нуқтаи назар аз Ӯ ҳиродусиён (ва оммаи бузурги яҳудиён) рӯ мегардониданд.

**20,23-24** Исо фаҳмид, ки зидди Ӯ суиқасд ҳаст. Ӯ хоҳиш намуд, ки ба ӯ *диноре* диҳанд; эҳтимол, Ӯ динори худро надошт. Он далел, ки дар дасти онҳо ин тангаҳо буданд ва онҳо аз он истифода мебурданд, вазъияти мутеонаи онҳоро ба ҳокимияти ғайрияҳудиён нишон медод. *«Сурат ва навиштаи рӯи он аз они кист?»* – пурсид Исо. Онҳо ҷавоб доданд: *«Аз они қайсар»*.

**20,25-26** Он гоҳ Исо онҳоро бо фармони зерин ба хомӯш шудан маҷбур сохт: *«Пас, он чи аз они қайсар аст, ба қайсар диҳед ва он чи аз они Худост – ба Худо»*. Онҳоро, эҳтимол, манфиатҳои қайсар хеле ҷалб мекарданд, вале онҳо аз ташвишҳо оид ба чизҳои илоҳӣ хеле дур буданд. «Пулҳо аз они қайсаранд, шумо бошед ба Худо тааллуқ доред. Бигзор ҷаҳон дорои тангаҳои худ бошад, ва Худо дорои офаридаҳои Худ». Ба корҳои ночиз хурдагирӣ карда, дар айни ҳол ба чизҳои асосӣ дар зиндагӣ чашм пӯшидан чунон осон аст. Ва ба одамони ба худ монанд додани қарзҳо ва дар айни ҳол Худоро дар он чи ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ дорад, ғорат намудан чунон осон аст.

### Ё. Саддуқиён ва муаммои онҳо дар бораи растохез (20,27-44)

**20,27** Азбаски кӯшиши дар масъалаи сиёсӣ ба даст афтондани Исо барор нагирифт, ба назди Ӯ *баъзе аз саддуқиён* бо муаммо оид ба таълимоти динӣ *омаданд*. Онҳо имконияти растохези мурдагонро тамоман рад мекарданд, бинобар ин мекӯшиданд бо ёрии тасвири ифротӣ таълимот дар бораи *эҳё* аз мурдагонро дар шакли хандаовар нишон диҳанд.

**20,28-33** Онҳо ба Исо хотиррасон намуданд, ки аз рӯи шариати *Мусо* марди муҷаррад барои давом додани насл ва нигоҳ доштани моликияти оилавӣ бояд ба зани бародари фавтидааш оиладор шавад (Так. Шар. 25,5). Мувофиқи қиссаи онҳо, як зан пай дар пай ба *ҳафт бародар* ба шавҳар баромад. Вақте ки бародари ҳафтумин *фарзанд ба дунё наоварда* мурд, вай *низ мурд*. *«Пас, дар рӯзи растохез вай зани кадоми онҳо мешавад?»* – ана он чизе ки онҳо мехостанд донанд. Онҳо гумон мекарданд, ки чунин масъалаи ҳалнашавандаро пешниҳод намуда, онҳо хеле боақл буданд.

**20,34** *Исо дар ҷавоб гуфт,* ки муносибатҳои никоҳӣ фақат барои *ин* ҳаёт муқаррар карда шудаанд; онҳо дар осмон давом намекунанд. Ӯ нагуфт, ки дар осмон шавҳарон ва занон якдигарро намешиносанд, балки дар он ҷо муносибатҳои онҳо комилан дар дигар асосҳо сохта хоҳанд шуд.

**20,35** Ифодаи *«сазовори расидан ба он дунё»* дар назар надорад, ки ягон одам худаш сазовори осмон шуда метавонад. Ягона шоистагие ки гуноҳкорон метавонанд дошта бошанд, шоистагии Худованд Исои Масеҳ аст. «Фақат онҳое сазовор ҳисобида мешаванд, ки худро маҳкум менамоянд, Масеҳро қабул мекунанд ва бо он розӣ мешаванд, ки ҳамаи шоистагӣ ба Ӯ тааллуқ дорад».[51] Ибораи «растохез *аз мурдагон*» фақат ба растохези имондорон дахл дорад. Он айнан «растохез *аз* байни (ба юнонӣ «ек») мурдагон»-ро ифода мекунад. Андеша дар бораи растохези умумӣ, ки дар он ҳамаи мурдагон, ҳам наҷотёфтагон, ҳам наҷотнаёфтагон дар як вақт аз мурдагон бармехезанд, дар Навиштаи Муқаддас вонамехӯрад.

**20,36** Баъдтар афзалияти ҳолати осмонӣ зикр карда мешавад. Марг дигар нест; дар ин бобат одамон *ба фариштаҳо баробар* мешаванд. Онҳо ҳамчунин *писарони Худо мебошанд*. Имондорон аллакай писарони Худо мебошанд, вале зоҳиран ин маълум нест. Дар осмон онҳо чун писарони Худо аёнан зоҳир мешаванд. Он далел, ки онҳо иштирокчиёни растохези аввалин гардиданд, инро тасдиқ менамояд. «Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ мешавем, зеро Ӯро чунон ки ҳаст, мебинем» (1Юҳ. 3,2). «Вақте ки Масеҳ, ки ҳаёти шумост, зоҳир шавад, шумо низ бо Ӯ дар ҷалол зоҳир мешавед» (Кул. 3,4).

**20,37-38** Исо барои асоснок кардани растохез ба Хуруҷ 3,6 такя мекунад, ки дар он *Мусо Худовандро Худои Иброҳим ва Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб* номид. Агар саддуқиён каме андеша мекарданд, пас мефаҳмиданд, ки: 1) *Худо на Худои мурдагон, балки Худои зиндагон аст;* 2) *Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб мурда буданд.* Ҳатман хулоса бармеояд, ки Худо онҳоро бояд аз мурдагон зинда кунад. Худованд

нагуфтааст: «Ман Худои Иброҳим *будам ...»*, балки: «Ман *ҳастам ...»* Хислати Худо чун Худои зиндагон растохезро металабад.

**20,39-44** Ба *баъзе аз китобдонон* лозим омад иқтидори далелҳои Ӯро эътироф кунанд. Лекин Исо ва охир нарасонд, Ӯ бори дигар ба Каломи Худо муроҷиат намуд. Дар Забур 109,1 *Довуд* Масеҳро *Худованди* худ номид. Ҳамаи яҳудиён розӣ буданд, ки Масеҳ *писари Довуд* мешавад. Чӣ хел Ӯ *Худованди* Довуд ва дар айни вақт *писари* Довуд буда метавонист? Худи Худованд ба ин савол ҷавоб буд. Ӯ аз Довуд чун Писари Одам ба вуҷуд омад; вале дар баробари ин Ӯ Офаридгори Довуд буд. Лекин онҳо бениҳоят кӯр буданд, то ки инро фаҳманд.

### Ж. Огоҳонидан аз китобдонон (20,45-47)

**20,45-47** Он гоҳ Исо дар назди ҳама халқро бар зидди *китобдонон* огоҳонид. Онҳо *ҷомаҳои дароз* мепӯшанд, то ки диндор намоянд. Онҳо дӯст медоранд, ки ҳангоми аз бозори серодам гузаштанашон онҳоро бо унвонҳои хушоҳанг ном гиранд. Онҳо *дар куништ* ва зиёфатҳо ҷойҳои фахриро ба даст меоваранд. Лекин онҳо аз бевазанони бепушту паноҳ воситаҳои зиндагонии онҳоро кашида мегиранд, ва нуқсонҳои худро бо *дуоҳои* дуру дароз мепӯшонанд. Чунин риёкорӣ алалхусус сахт ҷазо дода мешавад.

### З. Ду тангаи бевазан (21,1-4)

**21,1-4** Вақте ки Исо *сарватмандонеро* мушоҳида мекард, ки *ҳадияҳои худро ба ганҷинаи* ибодатгоҳ *меандохтанд,* Ӯро тазоди байни *сарватмандон* ва *бевазани камбағал* ба ҳайрат овард. Онҳо чизе медоданд, вай бошад *тамоми* пулашро дод. Дар назари Худо ин бевазани камбағал аз *ҳамаи* онҳо *бештар* пул дод. Онҳо *аз зиёдатии худ* медоданд, аммо *вай – аз камбағалии худ.* Онҳо он чизеро доданд, ки барояшон арзиши кам дошт ё ба ҳеҷ чиз намеарзид; *вай тамоми рӯзиеро, ки дошт, андохт.* «Тиллои фаровониро, ки аз боиси ба он эҳтиёҷ набудан ба Худо дода мешавад, Худо ба чоҳи бетаг мепартояд; тангаи мисини бо хун таршударо ӯ мебардорад ва бо ламси даҳони Худ ба тиллои ҷовидонӣ табдил медиҳад».[52]

### И. Тартиби ҳодисаҳои оянда (21,5-11)

Дар оятҳои 5-33 нутқи бузурги пайғамбарона баён шудааст. Агарчи он нутқ дар болои кӯҳи Зайтунро дар Матто 24 ва 25 ба ёд меоварад, вай худи ҳамон хел нест. Мо бояд боз як маротиба ба худ ёдрас намоем, ки фарқҳо дар Инҷилҳо аҳамияти чуқур доранд.

Дар ин нутқ мо ошкор месозем, ки Худованд дар хусуси дар соли 70-уми милодӣ вайрон карда шудани Уршалим, ва низ оид ба аломатҳое мегӯяд, ки пеш аз омадани дуюми Ӯ рӯй медиҳанд. Ин намунаи қонуни иҷрои дубораи пайғамбариҳост: Ба зудӣ пешгӯиҳои Исо бояд *ҷисман* дар муҳосираи Титус иҷро шаванд, лекин онҳо дар охири замони Мусибати бузург иҷрошавии минбаъда ва *пурра* хоҳанд дошт.

Нақшаи ин нутқ ба тариқи зерин аст:

1. Исо вайроншавии Уршалимро пешгӯӣ намуд (оятҳои 5.6).
2. Шогирдон кай рӯй додани инро пурсиданд (ояти 7).
3. Исо дар аввал манзараи умумии ҳодисаҳоеро, ки пеш аз омадани дуюми Ӯ рӯй медиҳанд, дод (оятҳои 8-11).
4. Баъд Ӯ фурӯ ғалтидани Уршалим ва давраи баъд аз ин меомадаро тасвир намуд (оятҳои 12-24).
5. Ва, ниҳоят, Ӯ дар бораи аломатҳое нақл кард, ки дар арафаи омадани дуюми Ӯ мешаванд, ва пайравони Худро даъват намуд, ки дар интизори баргаштани Ӯ зиндагӣ кунанд (оятҳои 25.26).

**21,5-6** *Ҳангоме ки баъзе* одамон аз ҳашамати *ибодатгоҳи* Ҳиродус ба ваҷд меомаданд, Исо онҳоро аз иштиёқ ба чизҳои моддӣ, ки ба зудӣ нест мешаванд, пешакӣ огоҳонид. *Рӯзҳое меоянд,* ки парастишгоҳ пурра вайрон карда мешавад.

**21,7** Шогирдон дарҳол донистан хостанд, ки ин *кай* рӯй медиҳад ва *чӣ гуна аломат* аз наздик шудани ин замон дарак медиҳад. Бешубҳа, саволи онҳо танҳо ба вайроншавии Уршалим дахл дошт.

**21,8-11** Дар аввал ҷавоби Наҷотдиҳанда онҳоро ба охири замонҳо бурдагӣ барин шуд, вақте ки ибодатгоҳ аз нав дар арафаи барқароршавии Подшоҳӣ вайрон карда мешавад. Масеҳони дурӯғин, овозаҳои дурӯғин, *ҷангҳо* ва ошӯбҳо мешаванд. На танҳо низоъҳои байни халқҳо, балки катаклизмҳои бузург дар табиат ҳам мешаванд: *заминҷунбиҳо, гуруснагию*

*вабоҳо, ҳодисаҳои пурдаҳшат ва аломатҳои бузург аз осмон.*

## Й. Давраи пеш аз охир (21,12-19)

**21,12-15** Дар оятҳои пешина Исо ҳодисаҳоеро тасвир намуд, ки бевосита пеш аз охири замон рӯй медиҳанд. Ояти 12 бо ифодаи *«аммо пеш аз ҳамаи ин ...»* сар мешавад, бинобар ин мо чунин мешуморем, ки дар оятҳои 12-24 давраи байни замони нутқ кардан ва замони ояндаи Мусибати бузург тасвир карда шудааст. Шогирдони Исоро ҳабс мекунанд, таъқиб мекунанд, ба маҳкамаҳои динӣ ва шаҳрвандӣ мекашанд ва ба зиндон мепартоянд. Ба онҳо ин нобарорӣ ва фоҷиа намуданаш мумкин аст, лекин дар асл Худованд ҳамаи инро ба *шаҳодати* ҷалоли Худ табдил медиҳад. Онҳо набояд пешакӣ ҳимояи худро тайёр кунанд. Дар лаҳзаи хатарнок Худо ба онҳо *ҳикмати* махсуси гуфтани он чизеро медиҳад, ки мухолифони онҳоро ба ночории пурра мегузорад.

**21,16-18** Ҳамчунин дар оилаҳо хиёнат хоҳад буд: Хешовандони наҷотнаёфта масеҳиёнро таслим мекунанд, *баъзе* аз онҳоро бошад барои садоқат ба Масеҳ ҳатто қатл мекунанд. Дар байни ояти 16 – *«ва баъзеи шумо кушта мешаванд»* ва ояти 18 – *«лекин мӯе ҳам аз сари шумо гум намешавад»* зиддиятҳои зоҳирӣ ҳаст. Ин танҳо як чизро ифода карда метавонад: Ҳарчанд баъзеҳо чун риёзаткаш барои Масеҳ мемиранд, рӯҳан онҳо пурра нигоҳ дошта мешаванд. Онҳо мемиранд, лекин несту нобуд намешаванд.

**21,19** Ин оят ба он ишорат менамояд, ки ҳар касе ки устуворона ба ҳама чиз бахри Масеҳ сабру тоқат мекунад ва аз Ӯ рӯ намегардонад, бо худи ҳамин ҳақиқӣ будани имони худро исбот мекунад. Одамони дар ҳақиқат наҷотёфта, ба бадали ҳар чизе ки бошад, дар ҳақиқат ва садоқат устувор мемонанд.

## Ӣ. Хароб шудани Уршалим (21,20-24)

**21,20-24** Аён аст, ки дар ин ҷо Худованд ба мавзӯи харобшавии *Уршалим* дар солҳои 70 милодӣ мегузарад. Аломати саршавии ин ҳодиса муҳосираи Уршалим аз тарафи лашкари румиён хоҳад буд.

*Ба масеҳиёни асри якум (солҳои 70 милодӣ) аломатҳои аниқ даракдиҳанда дода шуда буд, ки кай харобшавии Уршалим сар мешавад ва ибодатгоҳи зебои мармарӣ аз рӯи замин нест карда мешавад: «Чун бинед, ки лашкарҳо Уршалимро иҳота кардаанд, донед, ки харобии он наздик шудааст» Ин аломати вайроншавии Уршалим буд ва ин аломатро дида, масеҳиён бояд мегурехтанд. Беимонӣ эътироз карда метавонад, ки ҳангоме ки деворҳои шаҳрро аскарон иҳота кардаанд, гурехтан ғайриимкон аст; лекин Каломи Худо ҳеҷ гоҳ хато намекунад. Сарлашкари румӣ ба муддати кӯтоҳе лашкари худро дур бурд, бо худи ҳамин ба яҳудиёни имондор имконияти гурехтан дод. Онҳо ҳамин тавр ҳам карданд ва ба ҷое ки Пелла ном дошт, рафта дар он ҷо наҷот ёфтанд.*[53]

Ҳар гуна кӯшиши аз нав ба шаҳр даромадан марговар хоҳад буд. Шаҳр бояд барои рад кардани Писари Худо ҷазо бинад. Вой бар ҳоли *ҳомиладорон* ва модарони *ширдор,* ки онҳо дар он рӯзҳо дар вазъияти махсусан мураккаб мемонанд; аз доварии Худо бар *замини* Исроил ва бар *қавми* яҳудӣ гурехтани онҳо душвор мешавад. Бисёриҳо кушта мешаванд, зиндамондагонро бошад, ба асирӣ ба мамлакатҳои дигар мебаранд.

Қисми охирини ояти 24 пешгӯии шоёни диққате оид ба он аст, ки шаҳри қадимаи *Уршалим* аз давраи суқут ва *то даме ки даврони ғайрияҳудиён ба анҷом расад,* зери ҳокимияти ғайрияҳудиён хоҳад буд. Ин онро ифода намекунад, ки яҳудиён давраи кӯтоҳмуддат дар он роҳбарӣ намекунанд; дар ин ҷо аниқтараш сухан дар бораи он меравад, ки шаҳр пайваста аз тарафи ғайрияҳудиён ба ҳуҷумҳо ва тааддӣ дучор мешавад, *то даме ки даврони халқҳо ба анҷом расад.*

Аҳди Нав дар байни сарвати ғайрияҳудиён, пуррагии ғайрияҳудиён ва даврони ғайрияҳудиён фарқ мегузорад.

1. *Сарвати* халқҳо (Рум. 11,12) ба ҳолати имтиёзноке ишорат мекунад, ки ғайрияҳудиён дар замони ҳозира ишғол менамоянд, то замоне ки Худо муваққатан Исроилро рад кардааст.
2. *Пуррагии* ғайрияҳудиён (Рум. 11,25) – ин замони ба осмон гирифта шудан аст, вақте ки Арӯси Масеҳ аз ғайрияҳудиён ба пуррагӣ мерасад ва ба осмон гирифта мешавад ва вақте ки Худо муносибати

Худро бо Исроил аз нав барқарор мекунад.

3. *Даврони* халқҳо (Луқ. 21,24) аслан аз асорати Бобил (соли 521 то милод) сар шуданд ва то замоне давом хоҳад кард, ки халқҳои ғайрияҳудӣ дигар бар шаҳри Уршалим ҳукмронӣ намекунанд.

Дар давоми садсолаҳо аз он лаҳзае ки Наҷотдиҳанда ин суханонро гуфт, Уршалим асосан зери итоати давлатҳои ғайрияҳудӣ буд. Қайсар Юлиани Муртад (солҳои 331-363 милодӣ) мекӯшид масеҳиятро бадном кунад ва пешгӯии Худовандро беэътибор намояд. Вай яҳудиёнро ба барқароркунии парастишгоҳ даъват мекард. Онҳо бо эҳтимом ба кор сар карданд, дар аҷобати худ белҳои нукрагӣ истифода мебурданд ва хокрӯбаро бо пардаҳои арғувонӣ мекашонданд. Лекин кори онҳоро зилзила ва гулӯлаҳои оташин, ки аз замин мебаромад, қатъ кард. Ба онҳо лозим омад ин корро тарк кунанд.[54]

## К. Омадани дуюм (21,25-28)

**21,25-28** Ин оятҳо конвулсия ва катаклизмҳои табиатро *бар замин* тасвир менамоянд, ки пеш аз зуҳури дуюми Масеҳ рӯй медиҳанд. Дар *офтоб ва моҳ ва ситорагон* аломатҳои аз замин возеҳ дидашаванда мешаванд. Ҷирмҳои осмонӣ аз мадори худ мебароянд. Ин боиси дигаршавии кунҷи меҳвари гардиши замин шуда метавонад. Мавҷҳои фавқулода бузурги мадд ба хушкӣ зада медароянд. Инсониятро даҳшат зер мекунад, зеро ки ҷирмҳои осмонӣ ба мадори замин бисёр наздик меоянд. Лекин барои одамони тақводор умед ҳаст:

*«Ва он гоҳ Писари Одамро мебинанд, ки бо қуввату ҷалоли бузург бар абре меояд. Ҳангоме ки ба амал омадани ин чизҳо оғоз шавад, бархеста, сарҳои худро баланд кунед, чунки халосии шумо наздик меояд».*

## Қ. Дарахти анҷир ва ҳамаи дарахтон (21,29-33)

**21,29-31** Боз як аломате ки ба наздикии баргаштани Ӯ ишорат мекунад, *дарахти анҷир ва ҳамаи дарахтони* муғҷакарда мебошанд. *Дарахти анҷир* – тасвири муносиби халқи Исроил аст; дар ин рӯзҳои охирин вай шаҳодати ҳаёти навро зоҳир менамояд. Албатта, аз аҳамият маҳрум нест, ки баъд аз садсолаҳои парокандагӣ ва гумномӣ халқи Исроил дар соли 1948 барқарор карда шуд ва алҳол узви оилаи халқҳо эътироф шудааст.

Шукуфтани дарахтони дигар ҳам рамзи нумуи миллатпарастӣ ва ба вуҷуд омадани ҳукуматҳои зиёди нав дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон буда метавонад. Ин аломатҳо онро ифода мекунанд, ки Подшоҳии пурҷалоли Масеҳ ба зудӣ барпо хоҳад шуд.

**21,32** Исо гуфт, ки *ин насл ҳанӯз* аз олам нагузашта, *ин ҳама* рӯй медиҳад. Лекин Ӯ ба ифодаи «ин насл» кадом маъниро медод?

1. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки Худованд оид ба авлоде сухан меронд, ки дар замони Ӯ мезист, ва ҳамаи ин ҳангоми харобшавии Уршалим иҷро шуд. Лекин ин чунин буда наметавонад, зеро ки Масеҳ бар абрҳо бо қудрат ва ҷалоли бузург барнагашт.
2. Дигарон чунин меҳисобанд, ки суханони «ин насл» ба одамоне дахл доранд, ки дар замони саршавии иҷроиши ин аломатҳо зиндагӣ мекунанд, ва одамоне ки саршавии иҷроиши ин аломатҳоро мебинанд, баргаштани Масеҳро ҳам мебинанд. Ҳамаи ҳодисаҳои пешгӯишуда дар зиндагии як насл рӯй медиҳанд. Ин шарҳи имконпазир аст.
3. Боз як маънидод чунин аст: суханони «ин насл» ба халқи яҳудӣ дахл доранд, ки ба Масеҳ душманона муносибат мекард. Худованд мегуфт, ки ба парокандагӣ нигоҳ накарда, миллати яҳудӣ нест намешавад, балки зинда мемонад, ва муносибатҳои вай ба Ӯ дар давоми садсолаҳо тағйир намеёбанд. Эҳтимол, тафсири дуюм ва сеюм дурустанд.

**21,33** Осмони атмосферӣ ва ситораҳо *гузарон аст*. Ҳамчунин *замин* ҳам шакли ҳозираи худро гум мекунад. Лекин пешгӯиҳои Худованд иҷро нашуда намемонанд.

## Л. Огоҳӣ дар бораи ҳушёрӣ ва дуо (21,34-38)

**21,34-35** Дар айни замон шогирдони Ӯ бояд бохабар бошанд, то бо хӯрок, нӯшокӣ ва *ғамхӯриҳои* зиндагӣ он қадар саргарм нашаванд, ки он рӯз бар онҳо *ногаҳон* ояд. Он барои

*ҳамаи сокиноне* ки *заминро* маскани доимии худ гумон мекунанд, маҳз чунин меояд.

**21,36** Шогирдони ҳақиқӣ бояд ҳама вақт *бедор бошанд ва дуо гӯянд,* ва бо худи ҳамин худро аз ҷаҳони бехудои ба ғазаби Худо маҳкумшуда ҷудо кунанд ва ба ҳамаи онҳое монанд шаванд, ки *дар пеши Писари Одам* қабул шуда, *меистанд.*

**21,37-38** Ҳар рӯз Худованд *дар ибодатгоҳ* таълим медод *ва дар кӯҳи* Зайтун *шабгузаронӣ мекард,* ва дар ин ҷаҳоне ки Худ офарид, ҳатто хона надошт. Ва баъд аз ин *тамоми мардум саҳарии барвақт* барои аз нав *шунидани Ӯ* меомаданд.

## XI. УҚУБАТ ВА МАРГИ ПИСАРИ ОДАМ (Б. 22 ва 23)

### A. Суиқасд бо мақсади куштани Исо (22,1-2)

**22,1** *Иди Фатир* ба даврае дахл дорад, ки ҳангоми *Песаҳ* сар мешавад ва боз ҳафт рӯз давом мекунад, ки дар давоми он ҳаргиз дар хӯрок хамиртуруш истеъмол кардан мумкин нест. Песаҳ дар рӯзи 14-уми моҳи нисан, моҳи аввали соли яҳудӣ, ид карда мешуд. Ҳафт рӯз, аз 15-ум то 21-ум, чун *иди Фатир* маълуманд, лекин дар ояти 1 бо ин ном тамоми ид ифода ёфтааст. Агар Луқо фақат барои яҳудиён менавишт, пас оид ба робитаи байни *иди Фатир* ва *Песаҳ* ёдовар шудан зарурате намедошт.

**22,2** *Саркоҳинон ва китобдонон* пайваста суиқасд ташкил мекарданд, ҷустуҷӯ мекарданд, *ки чӣ гуна* Худованд Исоро *кушанд,* лекин онҳо мефаҳмиданд, ки инро чунон бояд ба амал овард, то ошӯб барнахезад, зеро онҳо *аз мардум метарсиданд.* Онҳо медонистанд, ки аксарият ба Исо бо эҳтироми бузург муносибат мекарданд.

### Б. Хиёнати Яҳудо (22,3-6)

**22,3** *Ва ба дили Яҳудо, ки лақаби Исқарютро дошт ва аз ҷумлаи он дувоздаҳ буд, шайтон даромад.* Дар Юҳанно 13,27 гуфта шудааст, ки ин баъд аз он рӯй дод, ки Исо ҳангоми шоми песаҳ ба ӯ пораи нонро дод. Мо ба хулосае меоем, ки ин ё дар марҳилаҳои пайдарҳам рӯй дод, ё Луқо на вақти муайян, балки факти ҳодисаро қайд менамояд.

**22,4-6** Ҳар тавре ки бошад, Яҳудо *бо сардорони коҳинон ва сардорони навкарон,* яъне бо роҳбарони муҳофизатгарони парастишгоҳи яҳудиён, созиш кард. Вай дақиққорона нақша кашид, ки чӣ гуна, дар байни халқ ошӯб ба вуҷуд наоварда, Исоро ба дасти онҳо *таслим кунад.* Нақша пурра қобили қабул буд ва онҳо *ба вай пул доданӣ шуданд* – чӣ хеле ки мо медонем, сӣ тангаи нуқра. Инак, Яҳудо рафт, то ки ҷузъҳои нақшаи хиёнати худро кор карда барояд.

### В. Тайёрӣ ба иди Песаҳ (22,7-13)

**22,7** Мушкилоти муайяни бо давраҳои гуногуни вақт алоқаманд, ки дар ин оятҳо ёдовар шудаанд, мавҷуданд. *Рӯзи иди Фатир* одатан бо 13-уми нисан ҳамонанд карда мешавад, вақте ки яҳудиён аз хонаҳои худ тамоми нони хамиртурушдорро бояд бароранд. Вале дар ин ҷо гуфта мешавад, ки ин рӯзе буд, ки дар он *бояд барраи песаҳро қурбонӣ мекарданд,* ва ин аллакай ба 14-уми нисан дахл дорад. Леон Моррис ва ҳамчунин олимони дигар чунин меҳисобанд, ки дар Песаҳ аз ду тақвим истифода мебурданд: аз расмӣ ва оне ки Исо ва дигарон риоя мекарданд.[55] Мо чунин меҳисобем, ки ҳодисаҳои панҷшанбеи охирин дар ин ҷо сар мешаванд ва то худи ояти 53 давом мекунанд.

**22,8-10** Худованд *Петрус ва Юҳанноро* ба Уршалим *фиристод,* то барои ид кардани шоми *песаҳ* тайёрӣ бинад. Ба онҳо дастур дода, Ӯ нишон дод, ки дар бораи ҳама чиз дониши пурра дорад. Ҳангоми *ба шаҳр* даромадан ба онҳо бояд *марде рӯ ба рӯ шавад, ки кӯзае обро бардошта мебарад.* Дар шаҳрҳои шарқӣ ин ҳодисаи ғайриодатӣ буд; одатан кӯзаи обро занҳо мебардоштанд. Дар ин ҷо мард тасвири хуби Рӯҳулқудс мебошад, ки Ӯ ҷонҳои ташнаро ба он ҷое мебарад, ки онҳо бо Худованд робита хоҳанд дошт.

**22,11-13** Худованд на танҳо ҷой ва рафти ҳаракати ин одамро пешакӣ медонист, балки Ӯ ҳамчунин медонист, ки як соҳиби хона ба Ӯ ва *шогирдони Ӯ болохонаи калони густурдашударо* пешниҳод кардан мехоҳад. Эҳтимол, ин одам Худовандро медонист ва худаш ва молу мулки худашро пурра ба Ӯ бахшид. Байни *меҳмонхона* ва *болохонаи калони*

*густурдашуда* фарқ ҳаст. Соҳиби олиҳиммат манзилеро тайёр кард, ки нисбат ба он чи шогирдон интизор буданд беҳтар буд. Вақте ки Исо дар Байт-Лаҳм зода шуд, барои Ӯ ҳуҷрае дар меҳмонхона ёфт нашуд (юнонӣ «каталума»). Дар ин ҷо Ӯ ба шогирдони Худ фармуд, ки ҳуҷрае (юнонӣ «каталума») биталабанд, вале ба онҳо як чизе беҳтарро пешниҳод намуданд – *болохонаи калони густурдашударо.*

Ҳама чиз чуноне ки Ӯ пешгӯӣ кард, рӯй дод ва шогирдон *песаҳро тайёр карданд.*

### Г. Песаҳи охирин (22,14-18)

**22,14** Дар давоми садсолаҳои зиёд яҳудиён Песаҳро, халос шудани пуршарафи худро аз Миср ва ба воситаи хуни барраи бегуноҳ аз марг раҳоӣ ёфтани худро ид мекарданд. Ҳамаи ин бояд хеле возеҳ ба хотири Наҷотдиҳанда меомад, вақте ки *Ӯ назди дастурхон нишаст, ва дувоздаҳ* расул *бо Ӯ* нишастанд, то ки бори охирин идро ҷашн гиранд. Ӯ Барраи ҳақиқии Песаҳ буд, ки Хуни Ӯ ба зудӣ баҳри наҷоти ҳамаи онҳое ки ба Ӯ бовар мекунанд, рехта мешавад.

**22,15-16** *Ин Песаҳи* муайян барои Ӯ аҳамияти тасвирнопазир дошт ва Ӯ мехост онро *пеш аз ранҷ кашидани Худ* бичашад. Ӯ Песаҳро то ба замин баргаштани Худ ва барқарор кардани *Подшоҳии* пурҷалол дигар намечашад. Ифодаи *«Хеле мехостам»* кӯшиши гарму ҷӯшонро дар бар мегирад. Ин суханони кушоду равшан имондорони тамоми замонҳо ва халқҳоро даъват менамоянд, то ба назар гиранд, ки Исо чӣ андоза мекӯшад бо ҳамаи мо дар сари дастурхон мушоракат дошта бошад.

**22,17-18** Вақте ки *Ӯ косаро* бо май, ки он як қисми расму таомули иди Песаҳ мебошад, *гирифт,* Ӯ барои он *шукргузорӣ намуд* ва онро ба шогирдон дод, ва ба онҳо бори дигар ёдрас кард, ки дигар *аз шираи ангур наменӯшад, то вақте ки* Подшоҳии Ҳазорсолаи Ӯ биёяд. Тасвири шоми Песаҳ бо ояти 18 ба охир мерасад.

### Ғ. Шоми Худованд (22,19-23)

**22,19-20** Аз пайи Песаҳ дарҳол Шоми Худованд омад. Худованд Исо ин ёдоварии покро барои он муқаррар намуд, ки пайравони Ӯ дар давоми асрҳо дар бораи марги Ӯ ёдовар шаванд. Пеш аз ҳама Ӯ ба онҳо *нон* дод – рамзи *бадани* Худ, ки он ба наздикӣ барои онҳо *таслим карда* мешавад. Баъд *косаро* – шаҳодати возеҳи *хуни* бебаҳои Ӯ, ки он дар салиби Ҷолҷолто рехта мешавад. Ӯ оид ба он чун оид ба *косаи аҳди нав дар хуни* Ӯ мегуфт, *ки он* барои онҳое ки ба Ӯ тааллуқ доранд, *рехта мешавад.* Ин онро ифода мекунад, ки Аҳди Нав, ки Ӯ дар асл бо халқи Исроил баста буд, *бо хуни* Ӯ тасдиқ шуда буд. Иҷроиши пурраи Аҳди Нав дар замони Подшоҳии Худованди мо Исои Масеҳ дар замин ба амал меояд, вале мо, чун имондорон, аллакай дар замони ҳозира ба баракати вай дохил мешавем.

Бе шакку шубҳа, нон ва май тимсолҳо, ё *рамзҳои* бадан ва хуни Ӯ мебошанд. Бадани Ӯ ҳоло дода нашуда буд, ҳамчунин хуни Ӯ нарехта буд. Пас, тахмин кардан беҳуда мебуд, ки ин рамзҳо ба тариқи муъҷизаосо ба бадан ва хуни ҳақиқӣ табдил ёфтанд. Барои халқи яҳудӣ дар хӯрок истифода бурдани хун мумкин набуд, пас шогирдон медонистанд, ки Ӯ на оид ба хуни ҳақиқӣ мегуфт, балки дар бораи он чи *тимсоли* хуни Ӯ мебошад.

**22,21** Аз ин оят чунин менамояд, ки Яҳудо ҳақиқатан дар шоми охирин ҳузур дошт. Лекин дар Юҳанно 13 ба ҳамин андоза возеҳ гуфта шудааст, ки хиёнаткор баъд аз он ки ба ӯ Исо пораи нонро ба хуриши обакӣ тар карда дод, аз ҳуҷра баромад. Азбаски ин то муқаррар кардани Шоми Худованд рӯй дод, бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки Яҳудо дар лаҳзае ки Исо нон ва шаробро тақсим карда медод, ҳузур надошт.

**22,22** Уқубат ва марги Худованд Исо *пешакӣ муқаррар шуда* буд, вале Яҳудо Ӯро ихтиёран таслим кард. Ана аз ҳамин сабаб Исо гуфт: *«Вой бар ҳоли он кас, ки ба воситаи вай Ӯ таслим карда шавад».* Гарчи Яҳудо ба қатори дувоздаҳ нафар дохил мешуд, вай имондори ҳақиқӣ набуд.

**22,23** Дар ин ҷо қадаре ҳайрат ва нобоварии шогирдон ба худ нишон дода шудааст. Онҳо намедонистанд, *ки кадоме аз онҳо* дар *ин кори* разилона айбдор буда метавонист.

### Д. Бартарии ҳақиқӣ дар хизмат аст (22,24-30)

**22,24-25** Дарҳол пас аз Шоми Худованд дар байни шогирдон сар шудани баҳсу мунозира

оид ба он ки *кадоме аз онҳо бояд бузургтар ҳисоб ёбад,* бар зидди дилҳои одамон айбномаи ҷиддӣ мебарорад. Худованд Исо *ба онҳо* ёдовар шуд, ки дар қаламрави Ӯ бузургӣ мухолифи тасаввуроти инсонӣ аст. *Подшоҳоне* ки бар *халқҳои* ғайрияҳудӣ ҳукмронанд, одамони бузург эътироф шудаанд; аслан онҳоро *накӯкор* меноманд. Вале ин фақат дар сухан; дар асл онҳо ҳокими бедодгари золиманд. Онҳо номи накӯкорро доранд, лекин сифатҳои шахсии онҳо ба ин мувофиқат намекунад.

**22,26** Дар пайравони Наҷотдиҳанда чунин набояд бошад. Шахсе ки ӯро бузургӣ дар пеш аст, бояд монанди *хурдтарин бошад.* Ва он шахсе ки ӯро сардор шудан дар пеш аст, бояд, хоксорона ба дигарон хизмат карда, паст шавад. Ин қонунҳои ғайриодӣ тасаввуротҳои анъанавии аз тарафи умум эътирофшударо, ки ки хурд аз бузург пасттар аст, сардор бошад бузургии худро дар ҳукмронӣ нишон медиҳад, ба таври қатъӣ тағйир доданд.

**22,27** Дар тасаввури одамон дар зиёфат меҳмон будан назар ба шахси хӯрокдиҳанда будан аҳамияти зиёдтаре дошт. Лекин Худованд Исо омад, то ба одамон хизмат кунад ва ҳамаи онҳое ки аз пайи Ӯ мераванд, бояд аз ин ҷиҳат ба Ӯ монанд шаванд.

**22,28-30** Худованд меҳрубонона шогирдонро барои он таъриф кард, ки онҳо *дар озмоишҳои Ӯ бо Ӯ буданд.* Охир онҳо худи ҳозир байни худ баҳс мекарданд. Ба зудӣ онҳо Ӯро тарк мекунанд ва пароканда мешаванд. Бо вуҷуди ин Ӯ медонист, ки онҳо дар дили худ Ӯро дӯст медоштанд ва ба хотири номи Ӯ ба зиддият тоб меоварданд. Ба сифати мукофот онҳо *ба тахтҳо нишаста, бар дувоздаҳ қабилаи Исроил доварӣ мекунанд,* вақте ки Масеҳ бармегардад, то ба тахти Довуд нишинад ва дар замин ҳукмронӣ намояд. Ҳамчуноне ки Падар Подшоҳиро ба Масеҳ ваъда дод, Ӯ низ ба шогирдон ваъда дод, ки онҳо бо Ӯ бар Исроили навшуда ҳукмронӣ хоҳанд кард.

### Е. Исо инкори Петрусро пешгӯӣ мекунад (22,31-34)

Дар ин оятҳо аз силсилаи се саҳифаи ториктарин дар таърихи бевафоии инсоният саҳифаи охирин тасвир карда шудааст. Аввалин – хиёнати Яҳудо буд. Дуюмӣ – такаббури худбинонаи шогирдон. Алҳол бошад дар назди мо тарсончакии Петрус аст.

**22,31-32** Такрори ном *«Шимъун! Шимъун»* дар бораи муҳаббат ва муносибати самимонаи Масеҳ ба шогирди ноустувор мегӯяд. *Шайтон* ба даст овардани ҳамаи шогирдонро *талабгор буд,* то ки онҳоро *мисли гандуме аз ғалбер гузаронад.* Исо ба Петрус, чун ба намояндаи шогирдон, муроҷиат намуд. Ӯ *барои* Шимъун *дуо мегуфт, то ин ки имони* вай зарар набинад. (*«Ман барои ту дуо гуфтам»* – суханони ҳаяҷонангез!) Замоне ба Худованд *баргашта,* Петрус бояд *бародарони* худро *устувор мегардонд.* Ин баргаштан на ба наҷот, балки ба барқароршавӣ пас аз афтиш ишорат менамояд.

**22,33-34** Петрус бо худбоварии номуносиб изҳор намуд, ки тайёр аст Исоро *ба зиндон ва ба марг* ҳамроҳӣ кунад. Лекин вай маҷбур буд бишнавад, ки пеш аз он ки субҳ дамад, вай *се бор инкор карда,* хоҳад *гуфт,* ки Худовандро намешиносад!

Марқӯс суханони Худовандро чунин меоварад, ки пеш аз он ки хурӯс ду бор ҷеғ занад, Петрус Ӯро се бор инкор мекунад (14,30). Дар Матто 26,34; Луқо 22,34; Юҳанно 13,38 Худованд гуфт, ки пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Петрус Ӯро се бор инкор мекунад. Росташро гӯем, ин зиддиятҳои зоҳириро созиш кунондан душвор аст. Шояд, якчанд хурӯс бонг мезад, яке шабона, дигараш бошад субҳидам. Ҳамчунин бояд гуфт, ки Инҷилҳо, камаш, шаш инкори гуногуни Петрусро зикр менамоянд. Вай дар назди ин шахсон Масеҳро инкор кард:

1. зани ҷавон (Мат. 26,69.70; Марқ. 14,66.68);
2. боз як зан (Мат. 26,71.72);
3. мардуми дар он ҷо истода (Мат. 26,73.74; Марқ. 14,70.71);
4. як одам (Луқ. 22,58);
5. боз як одам (Луқ. 22,59.60);
6. ғуломи саркоҳин (Юҳ. 18,26.27). Ин, эҳтимол, одами дигар буд, зеро вай гуфт: «Магар ман туро дар боғ бо Ӯ надида будам? (ояти 26)».

### Ё. Роҳнамоиҳои нав (22,35-38)

**22,35** Дар ибтидои хизмати Худ Худованд шогирдонро *бе ҳамён, бе тӯрба ва бе пойафзол* – миқдори ниҳоят ками чизҳо *фиристод.* Ба онҳо фақат чизҳои аз ҳама зарурӣ бояд кифоят

бошад. Ҳамин тавр ҳам буд. Онҳо эътироф намуданд, ки ба *ҳеҷ чиз* эҳтиёҷ надоштанд.

**22,36** Акнун бошад ба Ӯ лозим меомад, ки онҳоро тарк кунад; онҳо бояд ба марҳалаи нави хизмат ба Ӯ қадам мегузоштанд. Онҳо камбағалӣ ва гуруснагиро мебинанд, ба хатар дучор мешаванд ва лозим меояд, ки худашон дар бораи таъмини эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи худ ғамхорӣ намоянд. Акнун онҳо бояд *ҳамён ва тӯрба* (ё захираи хӯрокворӣ) *гиранд,* агар *шамшер* набошад, бояд *ҷомаи худро фурӯхта шамшер* мехариданд. Наҷотдиҳанда чиро дар назар дошт, вақте ки ба шогирдон харидани *шамшерро* фармуд? Он чиз аниқ аст, ки Ӯ ният надошт, то онҳо шамшерро чун силоҳ барои ҳамла ба одамони дигар истифода баранд. Ин вайронкунии таълимоти Ӯ дар чунин порчаҳо мебуд:

«Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест; агар Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон мебуд, мулозимони Ман барои Ман меҷангиданд» (Юҳ. 18,36).

«Зеро ҳар кӣ шамшер кашад, ба шамшер кушта шавад» (Мат. 26,52).

«Душманони худро дӯст бидоред» (Мат. 5,44).

«Балки агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон» (Мат. 5,39; ниг. ҳамчунин 2Қур. 10,4).

Исо чиро дар назар дошт, вақте ки дар бораи шамшер сухан меронд?

1. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки Ӯ дар бораи шамшери рӯҳонӣ сухан меронд, ки он Каломи Худост (Эфс. 6,17). Ин имкон дорад, вале он гоҳ ба ҳамёни пул, тӯрбаи хӯрокворӣ ва либос низ тимсоли рӯҳонӣ ёфтан лозим аст.
2. Вилямс мегӯяд, ки шамшер рамзи ҳифзи ҳукумати муқарраршуда мебошад, ва дар айни ҳол ба Румиён 13,4 такя мекунад, ки он ҷо шамшер ба ҳокимияти сардорон ишорат мекунад.
3. Ленг мегӯяд, ки шамшер ба одам на барои ҳамла кардан, балки барои муҳофизат аз душманон лозим аст. Лекин Матто 5,39 истифодаи шамшерро ҳатто ба мақсади ҳимоя аниқ манъ мекунад.
4. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки шамшер танҳо барои ҳимоя аз ҳайвонҳои ваҳшӣ лозим буд. Ин мумкин аст.

**22,37** Ояти 37 шарҳ медиҳад, ки чаро минбаъд шогирдон бояд ҳамёни пул, тӯрбаи хӯрокворӣ ва шамшер гиранд. То ин лаҳза бо онҳо Худованд буд, ки талаботи зарурии онҳоро таъмин мекард. Ба зудӣ, мувофиқи пешгӯии Ишаъё 53,12, Ӯ бояд онҳоро тарк карда мерафт. Кори Ӯ иҷро шуд, яъне ҳаёт ва хизмати заминии Ӯ ба интиҳо наздик меомад ва бо *аз бадкирдорон шумурда шудани* Ӯ ба охир мерасид.

**22,38** Шогирдон суханони Худовандро комилан нодуруст фаҳмиданд. Онҳо *ду шамшер* гирифтанд, зеро чунин ҳисобиданд, ки ин барои ҳалли ҳар гуна масъалаҳои дар пеш истода ба онҳо комилан кифоя хоҳад буд. Худованд Исо сӯҳбатро бо суханони *«кифоя аст»* ба охир расонид. Онҳо, шояд, фикр мекарданд, ки бо ёрии шамшерҳо кӯшиши душманонро барои куштани Ӯ рад карда метавонанд. Мақсадҳои онҳо аз андешаҳои Ӯ чӣ андоза дур буданд!

**Ж. Изтироб дар Ҷатсамонӣ (22,39-46)**

**22,39** Боғи Ҷатсамонӣ дар нишебии ғарбии *кӯҳи Зайтун* ҷой гирифта буд. Исо ба он ҷо зуд-зуд барои дуогӯӣ мерафт ва *шогирдон,* аз ҷумла хиёнаткор ҳам, дар ин бора медонистанд.

**22,40** Баъди ба охир расидани Шоми Худованд Исо ва шогирдон болохонаро тарк карда ба боғ рафтанд. Ҳангоме ки онҳо ба он ҷо омаданд, Исо онҳоро ба *дуо гуфтан* даъват намуд, *то ба озмоиш дучор нашаванд.* Эҳтимол, *озмоиши* махсуси мавриди назари Ӯ иборат буд аз тарк кардани Худо ва Масеҳи Ӯ дар он лаҳзае ки онҳоро душманон иҳота мекунанд.

**22,41-42** Баъд Исо шогирдонро гузошта, ба даруntари боғ рафт, ва дар он ҷо дар танҳоӣ *дуо кард.* Дар дуои Худ Ӯ хоҳиш мекард, ки *агар* хости *Падар* бошад, бигзор *ин коса* аз Ӯ бигзарад; *лекин, Ӯ хости* Худоро ба ҷо овардан мехост, *на* хости Худро. Мо маънои ин дуоро чунин мефаҳмем: «Агар бидуни ба салиб баромадани Ман ягон воситаи дигари наҷот додани гуноҳкорон бошад, пас ҳозир ин роҳро нишон деҳ». Осмон хомӯш буд, зеро роҳи дигар набуд.

Мо чунин намеҳисобем, ки азобҳои Масеҳ дар боғ як қисми кори кафоратткунандаи Ӯ буд. Наҷот дар салиб дар давоми се соати торикӣ ба амал омада буд. Воқеан Ҷатсамонӣ ибтидои Ҷолҷолто буд. Дар ин ҷо як худи

андеша оид ба робита бо гуноҳҳои мо дар Худованд Исо азиятҳои сахт ба вуҷуд меоварл.

**22,43-44** Табиати одамии Ӯ дар ранҷи ҷонкоҳ, ки он меҳнати сахти Ӯро ҳамроҳӣ мекард, равшан намудор аст. *Ва фариштае аз осмон бар Ӯ падид омада, ба Ӯ қувват медод.* Танҳо Луқо дар ин бора навишт ва ҳамчунин дар бораи он ки *арақи Ӯ чун қатраҳои хун буд.* Ин тафсили охирин таваҷҷуҳи табиби ғамхорро ба худ ҷалб кард.

**22,45-46** Вақте ки Исо *ба назди шогирдон* омад, онҳо *хоб рафта буданд,* – на аз беэътиноӣ, балки, аниқтараш, аз бемадории ғамгинӣ. Ӯ аз нав онҳоро даъват намуд, ки *бархезанд ва дуо гӯянд,* зеро соати мушкил наздик меомад, вақте ки онҳо дар назди ҳукуматдорон ба васвасаи инкор кардани Ӯ хоҳанд афтид.

### З. Хиёнат ба Исо ва дастгир карда шудани Ӯ (22,47-53)

**22,47-48** Дар ин вақт *Яҳудо* бо гурӯҳи саркоҳинон, пирон ва сардорони парастишгоҳ барои дастгир кардани Худованд омад. Мувофиқи аҳду аҳди пешакӣ, хиёнаткор бояд Исоро бӯсида ба Ӯ ишорат мекард. Стюарт шарҳ медиҳад:

*Ин ламси бениҳоят даҳшатнок буд, ҳадди охирини бадкирдорӣ, ки бадкирдории одамон зиёда аз ин гузашта наметавонад, ҳангоме ки дар он ҷо, дар боғ, Яҳудо Худованди худро на бо доду фарёд, на бо зарба, на бо ханҷар, балки бо бӯса таслим намуд.*[56]

*Исо бо алами амиқ пурсид: «Эй Яҳудо! Оё Писари Одамро бо бӯса таслим мекунӣ?»*

**22,49-51** Шогирдон фаҳмиданд, ки *кор ба чӣ меанҷомад* ва ба ҳамла кардан тайёрӣ медиданд. Ва дар ҳақиқат, *яке аз онҳо,* ва маҳз Петрус, *шамшерро* гирифт ва *гӯши рости ғуломи саркоҳинро* бурид. Исо ӯро барои истифодаи воситаҳои ҷисмонӣ дар набарди рӯҳонӣ сарзаниш намуд. Соати Ӯ даррасид ва мақсадҳои пешакӣ муайянкардаи Худо бояд амалӣ шаванд. Аз рӯи меҳрубонии Худ, Исо, *ба гӯши он ғулом даст расонда, ӯро шифо дод.*

**22,52-53** Ба сардорони яҳудӣ ва пирон нигоҳ карда *Исо* пурсид, чаро онҳо барои дастгир кардани Ӯ *берун омаданд,* гӯё ки Ӯ *роҳзани* гуреза бошад. Магар Ӯ *ҳар рӯз дар ибодатгоҳ* таълим намедод? Ва онҳо он вақт ба дастгир кардани Ӯ намекӯшиданд. Вале Ӯ ҷавобро медонист: ҳоло *соати* онҳост, *ки торикӣ ҳукмфармост.* Нисфи шаби панҷшанбе наздик мешуд.

Доварии динӣ бар Худованди мо дар се давра мегузашт. Дар аввал Ӯ назди Ҳонон ҳозир шуд. Баъд Ӯ назди Қаёфо ҳозир шуд. Ва ниҳоят, Ӯро ба синедрион (шӯрои пирон) оварданд. Ҳодисаҳо аз ин лаҳза ва то ояти 65, эҳтимол, байни соатҳои як ва панҷи шаби ҷумъа ба вуқуъ меомаданд.

### И. Петрус Исоро инкор мекунад ва зор-зор мегиряд (22,54-62)

**22,54-57** Вақте ки Худовандро *ба хонаи саркоҳин* оварданд, *Петрус аз дур аз пайи онҳо равона шуд.* Омада, ӯ дар назди онҳое ҷо гирифт, ки *дар рӯи ҳавлӣ* дар назди *оташ* гарм мешуданд. К*анизе* ӯро *дида,* нидо кард, ки вай яке аз пайравони Исо буд. Петруси ба ҳаяҷон омада *инкор кард* ва гуфт, ки бо Ӯ шинос нест.

**22,58-62** Баъд аз гузаштани каме вақт касе боз бо ангушти айбдоркунанда ба Петрус чун ба яке аз пайравони Исои Носирӣ ишорат намуд. *Петрус* аз нав ин айбномаро инкор намуд. *Тахминан як соат гузашт* ва боз касе дар шахси Петрус ҷалилиро ва ҳамчунин шогирди Худовандро шинохт. *Петрус* инкор карда гуфт, ки намедонад ин мард дар бораи чӣ гап мезанад. Вале ин дафъа инкори ӯ бо бонги хурӯс *қайд карда шуд. Дар ин лаҳзаи тира* Худованд рӯй гардонда, ба Петрус назар андохт ва Петрус *пешгӯиро* ба ёд овард, *ки* пеш аз он ки хурӯс бонг занад, *вай Ӯро* се бор инкор мекунад. *Нигоҳи Писари Худо* Петрусро *ба берун равона кард ва дар торикии шаб ӯ зор-зор гирист.*

### Й. Аскарон ба Писари Одам тамасхур мекунанд (22,63-65)

**22,63-65** Исоро посбононе боздоштанд, ки барои нигаҳбонии парастишгоҳи пок дар Уршалим даъват шуда буданд. Акнун инҳо, ба ном посбонони хонаи поки Худо, ба масхара кардани Исо ва задани Ӯ сар карданд. Чашмони Ӯро баста, бар рӯи Ӯ *мезаданд ва аз Ӯ мепурсиданд,* ки ин корро *кӣ* кард. Ин на ҳамаи он корҳоест,

ки онҳо карданд, вале Исо босаброна ин зиддиятҳоеро, ки гуноҳкорон ба муқобили Ӯ мекарданд, таҳаммул кард.

### Й. Доварии пагоҳирӯзӣ дар назди шӯрои пирон (22,66-71)

**22,66-69** Вақте ки рӯз шуд (5.00 – 6.00 пагоҳӣ) *пирон Исоро ба шӯрои худ даровварданд.* Аъзоёни синедрион рӯйрост аз Ӯ пурсиданд, ки оё Ӯ Масеҳ аст. Исо моҳиятан ҷавоб дод, ки бо онҳо дар бораи ин савол баҳс кардан бефоида мебошад. Онҳо барои қабул кардани воқеият омода набуданд. Ба ҳар ҳол Ӯ онҳоро огоҳонид, ки шахси дар назди онҳо залилшуда боре аз дасти рости қудрати Худо менишинад (ниг. Заб. 109,1).

**22,70-71** Он гоҳ онҳо рӯйрост аз Ӯ пурсиданд, ки Ӯ *Писари Худо* аст ё не. Шубҳае нест, ки онҳо маҳз чиро дар назар доштанд. Барои онҳо *Писари Худо* баробар бо Худо буд. Худованд ҷавоб дод: *«Худи шумо гуфтед, ки Ман ҳастам»* (ниг. Марқ. 14,62). Маҳз ҳаминро онҳо мехостанд. Оё онҳо аз даҳони Ӯ куфрро, изҳори баробарӣ бо Худоро *нашуниданд?* Боз ба онҳо чӣ хел *гувоҳӣ* лозим буд? Лекин ин ҷо як мушкилии дигар пеш меомад. Тибқи қонуни онҳо куфргӯӣ бо қатл ҷазо дода мешуд. Вале яҳудиён дар зери ҳокимияти румиён буданд ва ваколати ба қатл расондани зиндониёнро надоштанд. Онҳо маҷбур буданд, ки Исоро ба назди Пилотус баранд, аммо ӯ ба чунин айбдоркунии динӣ, ба монанди куфр хеле кам аҳамият медод. Бинобар ин ба онҳо лозим меомад, ки бар зидди Ӯ айбномаи сиёсӣ бароранд.

### К. Исо дар назди Пилотус (23,1-7)

**23,1-2** Баъди дар шӯрои пирон дида баромадани кори Исо (дар пеши *тамоми аҳли маҷлисашон)* Ӯро саросемавор ба доварии шаҳрвандӣ ба назди *Пилотус,* ҳокими румӣ бурданд. Дар ин ҷо роҳбарони динӣ бар зидди Ӯ се айбномаи сиёсӣ пешкаш намуданд. Аввалан, онҳо Ӯро дар он айбдор намуданд, ки *халқро гумроҳ мекунад,* яъне халқро аз садоқат ба Рум дур мекунад. Дуюм, онҳо гуфтанд, ки Ӯ *ба қайсар андоз доданро* манъ мекард. Ва, ниҳоят, онҳо Ӯро дар он айбдор карданд, ки Худро *Подшоҳ* меномад.

**23,3-7** Вақте *Пилотус* аз Исо *пурсид,* оё дар ҳақиқат Ӯ *Подшоҳи Яҳудиён* аст, Ӯ ҷавоби мусбат дод. Пилотус арзи Ӯро чун таҳдид ба қайсари Рум маънидод накард. Баъди сӯҳбати якка ба якка бо Исо (Юҳ. 18,33-38а) вай *ба саркоҳинон* ва халқ муроҷиат карда гуфт: *«Дар ин Шахс ҳеҷ айбе намеёбам».* Анбӯҳи мардум боз ҳам боисрортар гардида, Исоро дар вайронкунии қонун аз *Ҷалили* нафратовар сар карда ҳатто то Уршалим айбдор мекард. *Пилотус* дар бораи Ҷалил *шунида,* андешид, ки барои худ чора ёфт. Ҷалил дар *вилояти Ҳиродус* ҷой дошт, бинобар ин Пилотус саъй кард аз ҳар гуна иштироки баъдина дар ин кор халос шавад, ва Исоро *назди Ҳиродус* фиристод. Ҳамин хел шуд, ки Ҳиродус низ *дар он рӯзҳо дар Уршалим буд.*

*Ҳиродуси* Антипос – писари Ҳиродуси Бузург аст, ки кӯдакони Байт-Лаҳмро қатл карда буд. Ин ҳамон Антипос буд, ки Яҳёи Таъмиддиҳандаро кушт, зеро вай Антипосро дар ҳамзистии ғайришаръӣ бо зани бародараш айбдор карда буд. Ин ҳамон Ҳиродус буд, ки вайро Исо «ин рӯбоҳ» (Луқ. 13,32) номид.

### Қ. Пурсупоси таҳқиромези Ҳиродус (23,8-12)

**23,8** Ҳиродус *дар назди худ* Исоро *дида хеле* хурсанд шуд. *Вай дар бораи Ӯ хеле зиёд* шунида буд *ва кайҳо боз* умед дошт, ки аз Ӯ муъҷизае бинад.

**23,9-11** Агарчи Ҳиродус *саволҳои* худро ба Наҷотдиҳанда бо исрор пешниҳод менамуд, ҷавоб нагирифт. Яҳудиён боз бештар айбномаи худро қувват медоданд, вале Исо даҳон намекушод. Ҳамаи он чи *Ҳиродус,* ба фикраш, карда метавонист – ба аскарони худ иҷозат додани таҳқир кардани Исо буд. Баъд вай бо тамасхур ба Ӯ *либоси дурахшоне* пӯшонид ва Ӯро *назди Пилотус гардонда фиристод.*

**23,12** *Пештар Пилотус ва Ҳиродус бо якдигар* душманӣ *доштанд,* вале пас аз ин душмании онҳо ба дӯстӣ табдил ёфт. Ҳар дуи онҳо дар як тараф зидди Худованд буданд ва ҳамин онҳоро муттаҳид менамуд. Суханони Теофилакт дар ин бобат пур аз андӯҳ аст: «Ба масеҳиён бояд айб бошад, дар ҳоле ки иблис

одамони бадро розӣ мекунонад, то барои бадӣ кардан душманиашонро барканор гузоранд, масеҳиён барои кардани корҳои нек ҳатто дӯстиро дастгирӣ карда наметавонанд».

## Л. Қарори Пилотус: бегуноҳ, аммо маҳкум (23,13-25)

**23,13-17** Азбаски *Пилотус* дар таҳқиқи кори бандии шоҳонаи худ рафтори беадолатона намуд, алҳол вай дар вазъияти беилоҷ монд. Вай саросемавор роҳбарони яҳудиро даъват намуд ва ба онҳо фаҳмонд, ки *на Ҳиродус,* на худи вай исботи айбдории Исоро ёфта натавонистанд: *«Дар Ӯ ҳеҷ гуноҳи сазовори марг ёфт нашудааст».* Бинобар ин вай пешниҳод намуд, ки Худовандро ҷазо дода, баъд сар додан лозим аст. Стюарт менависад:

*Ин созиши оҷизона, албатта, комилан беасос ва ғайримантиқӣ буд. Пилотус аз тарси ҷон кӯшиши оҷизонае кард, ки қарзи худро нисбат ба Исо иҷро намояд ва дар айни замон дили тӯдаи одамонро ёбад. Лекин ин кӯшиш ба ҳеҷ чиз кор намеомад ва ҷои тааҷҷуб нест, ки рӯҳониёни ба қаҳру ғазаб омада бо чунин қарор ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ шудан намехостанд.*[57]

**23,18-23** Саркоҳинон ва пирон ба қаҳру ғазаб омаданд. Онҳо талаб мекарданд, ки Исо кушта шавад ва *Бараббо,* ҷинояткори машҳур, ки *барои шӯриш ва кушторе ки дар шаҳр рӯй дода буд, ба зиндон андохта шуда буд,* озод карда шавад. Пилотус аз нав ба сафед кардани Худованд кӯшиши сусте намуд, лекин талабҳои бадкоронаи тӯдаи мардум ӯро хомӯш кард. Новобаста ва суханоне ки вай мегуфт, онҳо бо исрори бузург ба Писари Худо марг *талабиданро* давом медоданд.

**23,24-25** Ва агарчи *Пилотус* аллакай Исоро бегуноҳ эълон намуд, акнун вай Ӯро ба марг маҳкум кард, то ки дили халқро ёбад. Дар айни ҳол вай Бараббосро, ки онҳо хоҳиш карда буданд, *озод кард.*

## М. Писари Одамро ба Ҷолҷолто мебаранд (23,26-32)

**23,26** Тахминан соати нӯҳи саҳари рӯзи ҷумъа буд. Дар роҳ ба сӯи ҷои маслубкунӣ аскарон ба шахсе ки *Шимъуни Куринӣ* ном дошт, фармуданд, то *салибро бардошта барад.* Дар бораи ин одам чизи бисёр маълум нест, мо танҳо ҳаминро медонем, ки ду писари вай баъдтар масеҳиёни машҳур гаштанд (Марқ. 15,21).

**23,27-30** Вақте ки Исоро мебурданд, шумораи азими пайравони хайрхоҳ барои Ӯ гиря мекарданд. Ба *занони* дар байни издиҳом буда рӯ оварда, Исо онҳоро *«духтарони Уршалим»* номид. Ӯ гуфт, ки онҳо бояд на ғами Ӯро, балки ғами худашонро хӯранд. Ӯ харобшавии даҳшатангезеро дар назар дошт, ки дар соли 70-уми милодӣ ба сари Уршалим меафтад. Уқубатҳо ва андӯҳи ин *рӯзҳо* ба андозае бузург хоҳад буд, ки занони *нозойро,* ки одатан маломат мекарданд, махсусан хушбахт хоҳанд ҳисобид. Даҳшати муҳосираи Титус чунин хоҳад буд, ки одамон хоҳон мешаванд ба болои онҳо *кӯҳҳо афтанд* ва *теппаҳо* онҳоро *пӯшонанд.*

**23,31** Баъд Худованд Исо илова кард: *«Зеро, агар бо дарахти сарсабз чунин кунанд, бо дарахти хушк чиҳо мекунанд?»* Худи Ӯ дарахти сарсабз буд, Исроили беимон бошад – *хушк.* Агар румиён чунин таҳқир ва уқубатро ба Писари бегуноҳ, беайби Худо бор карда бошанд, пас ба сари кушандагон, гуноҳкорони марги Писари дӯстдоштаи Худо чӣ гуна ҷазои даҳшатнок меафтад?

**23,32** Ду ҷинояткорро низ *бо Исо ба куштан* мебурданд.

## Н. Ба салиб кашидани Исо (23,33-38)

**23,33** Ҷои қатл *Косахонаи сар ном* дошт. Эҳтимол, суроби теппа косахонаи сарро ба хотир меовард, ё шояд, вай барои он чунин номида мешуд, ки ҷои марг буд, ва косахонаи сар аксар чун рамзи марг истифода мешавад. Худдории Навиштаи Муқаддас дар тасвири ба салиб кашидан лоиқи тааҷҷуҳ аст. Муаллиф дар тафсилоти даҳшатнок истода намегузарад. Танҳо ибораи одӣ ҳаст: *«... дар он ҷо Ӯро ба салиб кашиданд».* Ва аз нав суханони Стюарт хеле бамавриданд:

*Бо хирад дарк намудани он ки Масеҳ бояд мемурд, хеле душвор аст, вале комилан аз ақл берун аст, ки Ӯ бояд бо чунин марг мемурд. Ва ба ҳар ҳол ин рӯй дод. Масеҳ ҳама чизеро, ки ягон вақт ламс карда буд, ҳатто салибро ҳам, оро медод, дигаргун месохт ва бо партави*

*дурахш ва зебоӣ фаро мегирифт. Вале биёед ҳеҷ гоҳ фаромӯш нанамоем, ки Ӯ салибро аз кадом чуқуриҳои даҳшатнок ба баландӣ гузошт.*[58]

*Эҳ, ба ман фаҳмон, ки чиро ифода мекунад*
*Он салиби барафрошта*
*Бо Он Марди андӯҳҳо,*
*Ки маҳкум шуда буд,*
*То хунаш бирезад ва бимирад.*

Люсӣ А. Беннет

Он рӯз дар Ҷолҷолто се салиб буд: салиби Исо дар байн ва салиби ҷинояткорон аз ду тарафи Ӯ. Ҳамин тавр Ишаъё 53,12 иҷро шуд: «... ва аз ҷинояткорон шумурда шуд».

**23,34** *Исо* дар муҳаббат ва файзи беохир аз салиб хитоб намуд: *«Эй, Падар! Инҳоро бахш, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд»*. Маълум нест, чӣ гуна шаршараи қаҳру ғазаби Худо бо ин дуо пешгирӣ карда шуд! Морган дар бораи муҳаббати Наҷотдиҳанда сухан меронад:

*Дар дили Исо озурдагӣ, хашму ғазаб ё хоҳиши ниҳонии ҷазо додани онҳое ки ба Ӯ бад рафтор мекарданд, набуд. Одамон дар бораи мушти оҳанин бо шавқу завқ сухан меронанд. Вақте ки ман ин дуои Исоро мешунавам, медонам, ки ягона ҷой барои мушти оҳанин дар дӯзах аст.*[59]

Баъд сарбозон *либосҳои Ӯро* дар байни худ тақсим карданд ва барои пероҳани яклухт бофтааш *қуръа партофтанд*.

**23,35-38** *Сардорон* дар назди салиб меистоданд, ба Ӯ тамасхур мекарданд ва даъват менамуданд, ки Ӯ *Худро наҷот диҳад, агар Ӯ* дар ҳақиқат Масеҳ, *интихобшудаи Худо* бошад. *Ҳамчунин сарбозон Ӯро истеҳзо мекарданд ва наздик омада, ба Ӯ сирко медоданд* ва ба қобилияти Худро наҷот додани Ӯситеза мекарданд. Дар болои сари Ӯ ҳамчунин лавҳаеро ҷойгир намуданд:

«ИН АСТ ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН»

Боз як маротиба суханони Стюартро меоварем:

*Мо ба маънои он факт, ки лавҳа ба се забон – юнонӣ, лотинӣ ва ибронӣ навишта шуда буд, аҳамият надода гузашта наметавонем. Инро, бешубҳа, барои он карда буданд, ки ҳар як одам дар издиҳом лавҳаро хонда тавонад; лекин Калисои Масеҳ ҳамеша – ва ин дуруст аст – дар ин рамзи ҳукмронии умумиҷаҳонии Исои Масеҳро медид. Азбаски инҳо се забони бузурги ҷаҳонӣ буданд, ҳар яки он ба як ғояи ҳукмфармо хизмат мекард. Забони юнонӣ забони фарҳанг ва дониш буд; ва хати лавҳа мегуфт, ки дар ин соҳа Исо Подшоҳ аст! Забони лотинӣ забони қонун ва ҳукумат буд; Исо дар ин ҷо ҳам Подшоҳ аст! Забони ибронӣ забони дини ваҳӣ буд; Исо – Подшоҳи он аст! Яъне, ҳатто ҳамон замоне ки Ӯ мехкӯб шуда буд ва мемурд, ба ростӣ «бар сари Ӯ тоҷҳои бисёр» буданд (Ваҳй 19,12).*[60]

## О. Ду ҷинояткор (23,39-43)

**23,39-41** Мо аз дигар ҳикояҳои Инҷил медонем, ки ҳар ду ҷинояткор дар аввал бар Исо тамасхур мекарданд. Агар Ӯ *Масеҳ* бошад, пас чаро ҳамаи онҳоро *наҷот* намедиҳад? Вале баъд дар дили яке аз онҳо тағйирот ба амал омад. Вай ба дигарӣ рӯ оварда, *барои* беҳурматӣ *сарзаниш менамуд*. Охир ҳар дуи онҳо барои ҷиноятҳои кардаашон азоб мекашиданд. Ҷазои онҳо сазовор буд. Ин Одаме ки дар салиби мобайнӣ аст, *ҳеҷ бадӣ накардааст*.

**23,42** Ба *Исо* рӯ оварда, ин ҷинояткор хоҳиш намуд, ки *Худованд*[61], *чун* бармегардад ва *Подшоҳии* Худро дар замин барқарор мекунад, вайро *ба ёд оварад*. Ин имони аҷиб аст. Ҷинояткори мурдаистода бовар кард, ки Исо аз мурдагон бармехезад ва дар оянда дар ҷаҳон ҳукмрон мешавад.

**23,43** *Исо* имони вайро бо ваъдае мукофотонид, ки дар худи ҳамон рӯз онҳо ҳамроҳ *дар биҳишт хоҳанд буд. Биҳишт* худи ҳамон осмони сеюм аст (2Қур. 12,2.4) ва ҷои сукунати Худоро ифода мекунад. *Имрӯз* – чӣ гуна суръат! *Бо Ман* – чӣ гуна иттиҳод! *Дар биҳишт* – чӣ хушбахтӣ! Чарлз Р. Эрдман менависад:

*Ин ҳодиса он ҳақиқатро нишон медиҳад, ки наҷот дар тавба ва имон асос меёбад. Лекин вай ҳамчунин ҳақиқатҳои муҳими дигарро дар бар мегирад. Вай эълон менамояд, ки наҷот ба фаризаҳо вобаста нест. Ҷинояткор ҳеҷ гоҳ таъмид нагирифта буд ва дар Шоми Худованд иштирок накарда буд ... Аслан, вай имони худро дар ҳузури тӯдаи мардуми адоватнок, дар байни тамасхурҳо, таҳқирҳои сардорон ва сарбозон нотарсона софдилона эътироф намуд ва бе иҷрои ягон маросими расмӣ наҷот ёфт. Ин шаҳодати асоситарини он аст, ки*

*наҷот ба аъмоли нек вобаста нест ... Ҳамчунин он чиз равшан аст, ки ҳеҷ гуна «хоби ҷон» нест. Бадан метавонад хоб равад, лекин шуур пас аз марг ҳам вуҷуд дорад. Ҳамчунин аён мегардад, ки ҳеҷ чуна «аъроф» (оташи поксозӣ) нест. Ҷинояткори тавбакунанда аз ҳаёти пургуноҳ ва шармовар дарҳол ба ҳолати хушбахтӣ гузашт. Ва аз нав бояд ба он таваҷҷуҳ намуд, ки наҷот умумӣ нест. Ду ҷинояткор буданд – танҳо як нафар наҷот ёфт. Ва ниҳоят бояд гуфт, ки моҳияти хурсандие ки бар марг афзалият дорад, аз мушоракати шахсӣ бо Масеҳ иборат аст. Моҳияти ваъдае ки ба ҷинояткори мурдаистода дода шуд, чунин аст: «Бо Ман хоҳӣ буд». Умеди хушбахтонаи мо дар ҳамин аст: фавтидан «ҳамроҳи Масеҳ будан» аст, ки аз ҳама чиз «беандоза беҳтар» аст.*[62]

Аз паҳлӯи Исои Масеҳ як одам ба осмон, дигараш бошад ба дӯзах рафта метавонад. Ту дар кадом тарафи салиб мебошӣ?

### П. Се соати торикӣ (23,44-49)

**23,44** Тахминан *аз соати шаш то соати нӯҳ,* яъне аз нисфирӯзӣ то соати сеи рӯз, тамоми заминро *торикӣ* фаро гирифта буд. Ин барои халқи Исроил аломат буд. Онҳо нурро рад карданд ва акнун Худо чун доварӣ онҳоро аз имконияти дидан маҳрум намуд.

**23,45** *Пардаи ибодатгоҳ* аз боло то ба поён *ду пора шуд*. Ин рамзи он далел аст, ки ба воситаи марги Худованд Исои Масеҳ роҳ ба ҳузури Худо барои ҳама касоне ки бо имон ба назди Ӯ меоянд, кушода буд (Ибр. 10, 20-22).

**23,46-47** Маҳз дар ҳамин се соати торикӣ Исо бо ҷисми Худ дар чӯби салиб барои гуноҳҳои мо ҷазо дид. Дар охири ин вақт Ӯ *рӯҳи* Худро *ба дасти* Худо, *Падари* Худ супурд ва ихтиёран ҳаёти Худро дод. *Мирисади* румӣ аз ин саҳна чунон мутаҳайир гашта буд, ки *Худоро ҳамду сано хонда гуфт: «Ба ростӣ ин Одам росткор буд»*.

**23,48-49** *Ва тамоми мардум* бо андӯҳи бепоён ва ҳисси пешакии ягон воқеаи бад фаро гирифта шуданд. Баъзе аз пайравони содиқи Исо ва ҳамчунин *заноне ки аз Ҷалил Ӯро пайравӣ намуда буданд, дур истода* ба ин муҳимтарин ҳодисаи таърихи ҷаҳон нигоҳ мекарданд.

### Р. Дафни Исо дар қабри Юсуф (23,50-56)

**23,50-54** То ин замон *Юсуф* шогирди ниҳонии Худованд Исо буд. Агарчи вай узви шӯрои пирон буд, бо ҳукме ки ба Исо баровварда шуд, розӣ набуд. Алҳол Юсуф ҷасурона назди *Пилотус* равона шуд *ва хоҳиш кард,* ки ба вай шарафи аз салиб фаровардани *ҷасади Исо* ва дафни муносибро лоиқ донанд. (Ин байни соати се ва шаши рӯз ба вуқӯъ меомад.) Иҷозат дода шуд ва Юсуф бетаъхир Ӯро *ба катон печонид ва ба қабре ниҳод, ки аз санг тарошида шуда буд,* ки ҳанӯз ҳеҷ кас дар он гузошта нашуда буд. Ин *рӯзи ҷумъа,* дар «рӯзи тайёрӣ» рӯй дод. Вақте дар бораи он гуфта мешавад, ки *шанбе фаро мерасид,* мо бояд дар ёд дошта бошем, ки шаббати яҳудӣ рӯзи ҷумъа дар вақти нишастани офтоб сар мешавад.

**23,55-56** *Занони* содиқ, ки *ҳамроҳи Исо аз Ҷалил омада* буданд, медиданд, ки Юсуф чӣ тавр *ҷасади* Ӯро ба ҷои дафн бурд ва чӣ тавр Ӯро ба қабр гузошт. Баъд онҳо *хушбӯиҳо ва равғани атрафшон тайёр карданд,* то ки баргашта ба ҷасади Ӯ, ки дӯсташ дӯст медоштанд, равғани атрафшон моланд. Ҷасади Исоро дафн карда, Юсуф то як андоза худро низ дафн кард. Бо ин амал вай худро ҷовидона аз халқе ки Худованди ҳаёт ва ҷалолро ба салиб кашид, ҷудо кард. Вай ҳеҷ гоҳ аз нав ба дини яҳудӣ алоқадор намешавад, балки аз он дар дурии маънавӣ хоҳад зист ва бар зидди он шаҳодат хоҳад дод.

Дар рӯзи шанбе занони ба фармудаи шаббат итоаткор истироҳат мекарданд.

## XII. ТАНТАНАИ ПИСАРИ ОДАМ (Б. 24)

### А. Занон дар назди қабри холӣ (24,1-12)

**24,1** Баъд, рӯзи якшанбе, хеле барвақт, онҳо *хушбӯиҳоеро ки* барои ҷасади Исо *тайёр карда буданд,* бардошта *ба сари қабр омаданд.* Вале онҳо ба ҷасади Ӯ чӣ тавр наздик шуда метавонистанд? Магар онҳо намедонистанд, ки даромадгоҳи қабр бо санги бузург баста шуда буд? Ҷавоб ба мо дода нашудааст. Мо фақат медонем, ки онҳо Ӯро хеле дӯст медоштанд, муҳаббат бошад аксаран душвориҳоро дар роҳи мақсади худ фаромӯш мекунад.

«Муҳаббат онҳоро субҳдам ба по хезонд (ояти 1) ва фаровон мукофотонида шуд (ояти 6). Ва то алҳол Худованди зиндашуда барои онҳоест, ки барвақт бедор мешаванд (Мас. 8,17)».

**24,2-10** Вақте ки онҳо назди қабр омаданд, *диданд, ки санг аз қабр ғелонда шудааст.* Ба он *дохил шуда,* онҳо *ҷасади Худованд Исоро* наёфтанд. Парешонии онҳоро тасаввур кардан душвор нест. Ҳанӯз, ки онҳо саъй мекарданд ба ин шарҳ ёбанд, дар назди онҳо *ду* фаришта (ниг. Юҳ. 20,12) *ҷомаҳои дурахшанда дар бар* ҳозир шуданд ва онҳоро бовар кунониданд, ки Исо *зинда* аст; Ӯро дар қабр ҷустан беҳуда аст. Ӯ аз мурдагон бархестааст, чуноне ки *ҳангоми дар Ҷалил* буданаш ба онҳо ваъда дод. Магар Ӯ пешгӯӣ накард, ки *Писари Одам бояд* ба дасти *одамони гуноҳкор супурда шавад ва ба салиб кашида шавад ва дар рӯзи сеюм бархезад?* (Луқ. 9,22; 18,33). Он замон ҳамаи ин ба ёди онҳо омад. Онҳо саросемавор ба шаҳр *баргашта,* ҳамаи инро *ба ёздаҳ* шогирд *нақл карданд.* Дар байни ин мунодиёни аввалини растохез *Марями Маҷдалия, Юҳона ва Марям, модари Яъқуб,* буданд.

**24,11-12** Шогирдон ба суханони онҳо *бовар накарданд.* Ин ягон хел дурӯғ аст. Чизи аз ақл берун! Ақлнорас! То даме ки *Петрус* шахсан худаш ба *сӯи қабр* давида рафта дар он ҷо *фақат кафани гузоштаро дид,* онҳо чунин фикр мекарданд. Бо ин матоъҳо ҷасад сахт печонида шуда буд. Ба мо гуфта нашудааст, ки онҳо кушода шуда буданд ё шакли ҷасадро нигоҳ дошта буданд, вале мо бо боварии қатъӣ гуфтаи охиринро тасдиқ карда метавонем. Худованд, эҳтимол, кафанро чун кирмаки пилла гузошта рафта метавонист. Он далел, ки кафан мондааст, исбот менамояд, ки ҷасад дуздида нашудааст: Дуздон барои кушода гирифтани он вақт намеёфтанд. Петрус ба хонаи худаш баргашта, ҳанӯз мекӯшид ҳалли ин сирро ёбад. Ҳамаи ин чӣ маънӣ дошт?

## Б. Роҳ ба Аммоус (24,13-35)

**24,13** Яке аз ду нафар шогирдоне ки ба Аммоус мерафтанд, Қлеюпос ном дошт; кӣ будани дигариро мо намедонем. Ин зани ӯ буда метавонист. Мувофиқи як ривоят, ин худи Луқо буд. Мо фақат бо боварии қатъӣ гуфта метавонем, ки ин яке аз ёздаҳ шогирдони аввалин набуд (ниг. ояти 33). Ба ҳар ҳол, ҳар ду ғамгинона, аз *Уршалим ба Аммоус* бо роҳе ки дарозиаш тахминан дувоздаҳ километр буд, бармегаштанд ва дар бораи марг ва дафни Худованд андеша мекарданд.

**24,14-18** Ҳангоме ки онҳо мерафтанд, ба онҳо шахси ношиносе ҳамроҳ шуд; ин Худованди аз мурдагон бархоста буд, вале *онҳо Ӯро нашинохтанд.* Ӯ пурсид, ки онҳо дар бораи чӣ сӯҳбат мекунанд. Дар аввал онҳо дармонданд – аломати ғами аз ҳад зиёд. Баъд *Қлеюпос* ҳайрон шуд, ки ӯ, шахсе ки *ба Уршалим омадааст,* дар бораи *он чи дар ин рӯзҳо рӯй додааст,* чизе намедонад.

**24,19-24** Исо сӯҳбатро давом дода пурсид: «Пас чӣ *ҳодиса* рӯй дод?» Дар ҷавоби худ онҳо аввал *Исоро* қадршиносӣ намуданд ва баъд оид ба доварӣ ва ба салиб кашида шудани Ӯ нақл карданд. Онҳо дар бораи умедҳои барҳамхӯрдаи худ ва баъд дар бораи он хабар, ки *ҷасади Ӯ* дар қабр набуд, нақл карданд. Зиёда аз он, *фариштагон* ба занон гуфтанд, ки *Ӯ зинда аст.*

**24,25-27** Он гоҳ Исо онҳоро меҳрубонона барои нофаҳмиашон танқид намуд. Охир, ин маҳз ҳамон роҳе буд, ки *пайғамбарони* Аҳди Қадим барои Масеҳ пешгӯӣ намуданд. Дар аввал Ӯ бояд уқубат кашад ва баъд ҷалол ёбад. Худованд аз *Мусо сар карда* то ҳамаи китобҳои *пайғамбарон* он чиро ки *дар ҳамаи Навиштаҳо дар бораи Ӯ,* Масеҳ, *гуфта шудааст,* хулоса кард. Ин дарси аҷоиби Навиштаи Муқаддас буд ва мо хеле зиёд мехостем он замон бо Ӯ бошем! Воқеан мо худи ҳамон Аҳди Қадимро дорем ва мо Рӯҳулқудс дорем, ки моро роҳнамоӣ мекунад, то ҳамчунин ҳамаи он чиро ки *дар тамоми Китоб дар бораи Ӯ гуфта шудааст,* фаҳмем.

**24,28-29** Акнун шогирдон ба хонаи худ наздик мешуданд. Онҳо ҳамсафари худро даъват намуданд, ки шаб ҳамроҳи онҳо монад. Дар аввал Ӯ боназокат вонамуд кард, ки рафтан мехоҳад; Ӯ ба даромадан шитоб накард. Вале онҳо исрор мекарданд, то Ӯ бо онҳо бимонад – ва мукофоти онҳо беандоза фаровон буд!

**24,30-31** Ҳангоме ки онҳо ба хӯрок хӯрдан нишастанд, Меҳмон ҷои соҳибхонаро ишғол кард.

«*Хӯрокхӯрии одӣ амали муқаддас шуд, хона бошад Хонаи Худо гардид. Масеҳ дар*

*ҳама ҷое ки ворид шавад, ана ҳаминро ба амал меоварад. Касоне ки Ӯро қабул мекунанд, аз ҷониби Ӯ хуш қабул карда мешаванд. Ду нафар ба Ӯ хонаи худро кушоданд, ҳозир бошад Ӯ чашмони онҳоро мекушояд»* (аз Қайдҳои ҳаррӯзаи ҷамъияти Навиштаи Муқаддас).

Ҳангоме ки Ӯ *нонро пора кард* ва *ба онҳо* дод, *онҳо* дарҳол *Ӯро шинохтанд.* Шояд, онҳо захмҳои мехро дар дасти Ӯ диданд? Мо танҳо медонем, ки ба таври муъҷизаосо *чашмони* онҳо *кушода шуданд* ва онҳо Ӯро шинохтанд. Ҳамин ки ин рӯй дод, *Ӯ аз назарашон нопадид шуд.*

**24,32** Баъд онҳо рӯзи худро дар роҳ аз нав ба хотир оварданд. Беҳуда нест, ки *вақте Ӯ* бо онҳо *сухан меронд ва Китобро мефаҳмонд,* дилҳои онҳо гарм шуданд. Раҳнамо ва Ҳамсафари онҳо Худованд Исои Масеҳи аз мурдагон бархоста буд.

**24,33** Ба ҷои он ки шабона дар Аммоус монанд, онҳо зуд *ба Уршалим баргаштанд,* ва дар он ҷо *ёздаҳ* расул ва дигаронро, ки бо онҳо ҷамъ омада буданд, *ёфтанд.* «Ёздаҳ» – дар ин ҷо истилоҳи ҷамъбасткунанда мебошад, ки ба гурӯҳи аввалини шогирдон бе Яҳудо ишорат менамояд. Ҳақиқатан, чунон ки аз Юҳанно 20,24 мефаҳмем, на ҳамаи ёздаҳ нафар иштирок доштанд; ин истилоҳ ба маънои ҷомеъ истифода шудааст.

**24,34** Пеш аз он ки шогирдон аз Аммоус ба онҳо хабари хуши худро расониданд, шогирдони уршалимӣ бо хурсандӣ ба онҳо хабар доданд, ки *Худованд* дар ҳақиқат аз мурдагон бархостааст ва *ба Шимъуни* Петрус *падидор шудааст.*

**24,35** Акнун навбати гуфтан ба он ду нафар аз Аммоус расид: «Бале, мо инро медонем, зеро Ӯ бо мо мерафт, ба хонаи мо даромад ва Худро *ҳангоми пора кардани нон* маълум кард».

### В. Исо ба ёздаҳ нафар зоҳир шуд (24,36-43)

**24,36-41** Бадани аз мурдагон бархостаи Худованд Исо ҳақиқӣ, пайкари ба назар намоён, иборат аз *гӯшт ва устухон* буд, ки ламс карданаш мумкин аст. Ин ҳамон бадане буд, ки чанд вақт пеш дафн карда буданд, лекин тағйирёфта ба он маъное ки дигар марг бар Ӯ ҳукмрон набуд. Бо бадани ҷалолёфтаи Худ Исо метавонист ба хона дароянд, вақте ки дарҳо маҳкам буданд (Юҳ. 20,19).

Худи ҳаминро Ӯ дар ҳамон бегоҳи рӯзи якшанбеи аввалин карда буд. Бо шунидани гапи Ӯ *«Салом бар шумо»* шогирдон нигоҳ карданд ва Ӯро диданд. Онҳо тарсиданд, зеро фикр карданд, ки рӯҳро дида истодаанд. Фақат пас аз он ки Ӯ ба онҳо нишонаҳои уқубати Худро *дар дастҳо ва пойҳои Худ* нишон дод, онҳо ба фаҳмидан сар карданд. Ҳатто он вақт ҳама чиз хеле аҷоиб буд, то ба он бовар кунанд.

**24,42-43** Баъд, барои он ки дар ҳақиқат Исо буданашро нишон диҳад, Ӯ каме *моҳии бирён ва асали мумдор хӯрд.*

### Г. Зеҳни возшуда (22,44-49)

**22,44-47** Ин оятҳо метавонанд ҷамъбасти таълимоти Наҷотдиҳанда дар байни растохез ва болошавии Ӯ бошанд. Ӯ мефаҳмонд, ки растохези Ӯ иҷрошавии суханони худи Ӯ мебошад, ки ба онҳо гуфта буд. Магар Ӯ онҳоро огоҳ накарда буд, ки ҳамаи пешгӯиҳои Аҳди Қадим оид ба Ӯ *бояд ба амал ояд? Тавроти Мусо, китобҳои пайғамбарон ва Забур* – се қисми асосии Аҳди Қадим мебошанд. Онҳо якҷоя тамоми Аҳди Қадимро ифода мекарданд. Кадоме аз пешгӯиҳои асосӣ дар Аҳди Қадим оид ба Масеҳанд? Онҳо ишорат мекарданд, ки:

1. Ӯ бояд *азоб кашад* (Заб. 21,1-21; Иш. 53,1-9).
2. Ӯ бояд *дар рӯзи сеюм аз мурдагон бархезад* (Заб. 15,10; Юн. 1,17; Ҳуш. 6,2).
3. *Ва ба номи ӯ, аз Уршалим сар карда, дар миёни ҳамаи халқҳо тавба ва бахшоиши гуноҳҳо мавъиза карда шавад.*

Исо *зеҳни онҳоро барои фаҳмидани* тамоми *Навиштаи Муқаддас равшан кард,* ё воз намуд. Аслан ин боб пур аз чизҳои кушодашуда аст: қабри кушода (ояти 12), хонаи кушода (ояти 29), чашмони кушода (ояти 31), Навиштаи кушода (ояти 32), даҳони кушода (ояти 35), зеҳни кушода (ояти 45) ва осмони кушода (ояти 51).

**24,48-49** Шогирдон *шоҳиди* растохез буданд. Акнун онҳо чун мунодиёни ин хабари пурҷалол бояд ба пеш раванд. Лекин онҳо пеш аз ин бояд *ваъдаи Падарро,* яъне дар рӯзи Пантикост фуруд омадани Рӯҳулқудсро интизор шаванд. Он гоҳ онҳо барои шаҳодат оид ба

растохези Исои Масеҳ *бо қуввати* илоҳӣ *ороста* мешаванд. Рӯҳулқудс аз тарафи Падар дар чунин ҷойҳои Аҳди Қадим, ба монанди Ишаъё 44,3; Ҳизқиёл 36,27; Юил 2,28 ваъда шуда буд.

### Ғ. Болошавии Писари Одам (24,50-53)

**24,50-51** Боло рафтани Масеҳ баъд аз чил рӯзи растохези Ӯ рӯй дод. Ӯ шогирдони Худро *то Байт-Анё,* ки дар доманаи шарқии кӯҳи Зайтун воқеъ буд, бурд *ва дастҳои Худро бардошта, онҳоро баракат дод.* Ҳангоме ки онҳоро баракат медод, Ӯ *ба осмон боло бурда шуд.*

**24,52-53** Онҳо ба Ӯ саҷда намуда, бо шодии бузурге ба Уршалим баргаштанд. *Даҳ рӯзи минбаъда онҳо қисми зиёди вақтро* дар ибодатгоҳ Худоро ситоиш карда ва муборак хонда, *мегузаронидаид.*

Инҷили Луқо аз он сар мешуд, ки имондорони самимӣ дар парастишгоҳ оид ба Масеҳе ки кайҳо боз интизораш буданд, дуо мегуфтанд. Вай айнан ҳамин хел бо он ба охир мерасад, ки имондорони бахшидашуда дар парастишгоҳ буданд ва барои иҷобати дуо ва барои наҷоте ки ба амал омадааст, *Худоро ситоиш мекарданд ва муборак мехонданд.* Дар ҳамин аст бузургии беназири китобе ки онро Ренан зеботарини ҷаҳон номидааст. *Омин.*

## Тавзеҳот

1. (1,2) James S. Stewart, *The Life and Teaching of Jesus Christ,* саҳ. 9.
2. (1,4) Худи ҳамон калима («анотен») дар Юҳ. 3,7 вомехӯрад: «Бояд шумо аз олами боло таваллуд ёбед».
3. (1,16-17) G. Coleman Luck, *Luke,* саҳ. 17.
4. (1,28) Дар забони юнонӣ ин калима тарзи мафъулии сифати феълист, ки *ба даст овардани* файзро нишон медиҳад. Ифодаи лотинии «gratia plena» («пур аз файз аст») нодуруст маънидод карда шуда буд, то ки таълимот дар бораи он ки Марям *сарчашмаи* файз аст, асоснок карда шавад.
5. (1,72-75) G. Campbell Morgan, *The Gospel According to Luke,* саҳ. 30-31.
6. (2,7) J. N. Darby, *Synopsis of the Books of the Bible,* ҷ. III саҳ. 293.
7. (2,8) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 24.
8. (4,13) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 45.
9. (4,28) John Charles Ryle, *Expository Thoughts on the Gospels, St. Luke,* ҷ. I саҳ. 121.
10. (5,30) Дар матни юнонии НА «фарисиён ва китобдонони онҳо» навишта шудааст, яъне сухан дар бораи он китобдононе мерафт, ки бо фарисиён ҳамфикр буданд.
11. (6,17-19) Лекин аксари тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки дар зери «ҷои ҳамвор» маҳалли ҳамвор дар доманаи кӯҳ дар назар дошта шуда буд, ва ба хулоса меоянд, ки фарқ дар услуб, дар интихоби маънои асосӣ аз тарафи Матто ва Луқо ва дар тартиб додани маводҳо (бо илҳоми илоҳӣ) мебошад.
12. (6,26) Дар аксари дастнависҳои қадима калимаи «тамоми» партофта шудааст, ки бо он дар назар дошта шудааст, ки фақат баъзеҳо одамони ба созиш кардан розӣ бударо таъриф хоҳанд кард.
13. (6,27-29a) F. B. Meyer, *The Heavenlies,* саҳ. 26.
14. (6,47-49) Дар фаҳмиши дигари матни аслӣ («*Ӯ* сохтааст») ин фикри асосӣ мавҷуд нест. Калом на дар бораи он меравад, ки *чӣ гуна,* балки дар *Кӣ* (Масеҳ) зиндагии худро сохтан зарур аст!
15. (7,21-23) C. G. Moore, иқтибос аз W. H. Griffith Thomas, *Outline Studies in the Gospel of Luke,* саҳ. 129.
16. (7,27) F. L. Godet, *Commentary on the Gospel of Luke,* ҷ. I саҳ. 350.

17. (7,30-34) Ryle, *St. Luke,* ҷ. I саҳ. 230.
18. (7,49-50) дар ҷои зикршуда, саҳ. 239.
19. (8,11-15) J. N. Darby, *The Gospel of Luke,* саҳ. 61.
20. (8,18) G. H. Lang, *The Parabolic Teaching of the Scripture,* саҳ. 60.
21. (8,34-39) Darby, *Synopsis*, ҷ. III саҳ. 340.
22. (8,51-53) Sir Robert Anderson, *Misunderstood Texts of the New Testament,* саҳ. 51.
23. (9,19-20) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 109,110.
24. (9,28-29) W. H. Rogers, маълумотҳои бештар мавҷуд нестанд.
25. (9,32-33) Ryle, *Gospels, St. Luke,* ҷ. I саҳ. 320.
26. (9,50) A. L. Williams, маълумотҳои бештар мавҷуд нестанд.
27. (9,62) Эҳтимол, на нуқтаи назар ба гузашта, балки тарзи тафаккури «ба ақиб ба Миср», ки ба яҳудиён дар вақти сафар дар биёбон хос буд, дар назар дошта шудааст.
28. (10,1-12) Дар НА дар ин ҷо ва дар ояти 17 «ҳафтоду ду» навишта шудааст.
29. (10,16) Ryle, *St. Luke,* ҷ. I саҳ. 357-358.
30. (10,36-37) F. Davidson (ношир), *The New Bible Commentary*, саҳ. 851.
31. (10,42) C. A. Coates, *An Outline of Luke's Gospel,* саҳ. 129.
32. (10,42) Charles R. Erdman, *The Gospel of Luke,* саҳ. 112.
33. (11,4) Луқо варианта аз ҳама кӯтоҳи дуо «Падари мо»-ро меоварад. Ин, эҳтимол, ба он ишорат мекунад, ки ин дуоро калима ба калима қироат кардан даркор нест.
34. (11,9) Дар забони юнонӣ феъли замони ҳозира дар сиғаи амр амали давомнокро ифода карда метавонад.
35. (11,41) Harry A. Ironside, *Addresses on the Gospel of Luke*, саҳ. 390.
36. (11,46) William Kelly, *An Exposition of the Gospel of Luke,* саҳ. 199.
37. (12,2-3) Godet, *Luke,* ҷ. II саҳ. 89.
38. (12,15) J. R. Miller, *Come Ye Apart,* хониш барои 10-уми июн.
39. (12,36) Kelly, *Luke,* саҳ. 214.
40. (13,6-9) Lang, *Parabolic Teaching,* саҳ. 230.
41. (14,33) Ryle, *Gospels, St. Luke,* ҷ.П саҳ.86.
42. (14,34-35) Kelly, *Luke,* саҳ. 249.
43. (15,20) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 77,78.
44. (16,9) *Our Lord's Teachings About Money* (китобча), саҳ. 10,11.
45. (16,9) J. N. Darby, *The Man of Sorrows,* саҳ. 178.
46. (17,10) Roy Hession, *The Calvary Road,* саҳ. 49.
47. (17,34-36) Дар аксари дастхатҳо, қадимтарин ҳам, ояти 36 мавҷуд нест. Ин онро ифода мекунад, ки он дар матни ибтидоӣ ҳам мавҷуд набуд.
48. (18,31-33) Ryle, *Gospels, St. Luke,* ҷ. II саҳ. 282.
49. (19,41-42) Griffith Thomas, *Luke,* саҳ. 303.
50. (20,18) Дигарон, дар бораи санг сухан ронда, гуноҳкори тавбакунандаро дар назар доранд, ки вай бо надомат ва дилшикастагӣ назди Исо меояд, бовар мекунад ва наҷот меёбад. Он касе ки Масеҳро рад мекунад, дар вақти доварии оянда хоку туроб карда мешавад.
51. (20,35) Coates, *Luke's Gospel,* саҳ. 252.
52. (21,1-4) Dr. Joseph Parker, маълумоти дигар мавҷуд нест.
53. (21,20-24) *Christian Truth Magazine,* Ноябр 1962, саҳ. 303.
54. (21,20-24) Edward Gibbon, *The Decline and Fall of the Roman Empire,* ҷ. II саҳ. 95-101.
55 (22,7) Leon Morris, *The Gospel According to Luke,* саҳ. 302-304.
56. (22,47-48) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 154.
57. (23,13-17) дар ҷои зикршуда, саҳ. 161.
58 (23,33) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 166.
59. (23,34) Morgan, *Luke,* саҳ. 269.
60. (23,35-38) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 168.
61. (23,42) Матни аксари дастнависҳо «Худованд ... маро ба ёд овар» назар ба матни баҳсноки НА «Исо ... маро ба ёд овар» бештар таъсирбахш мебошад. Истифодаи унвони «Худованд» (бо маънои «устод» ё «ҷаноб») аз муроҷиати одӣ бо ном дида эҳтиром ва имони амиқро ифода мекунад.
62. (23,43) Erdman, *Luke,* саҳ. 217,218.

# Рӯйхати адабиёт

Coates, C. A.
*An Outline of Luke's Gospel.*
Kingston on Thames: Stow Hill Bible and Tract Depot, n.d.

Darby, J. N.
*The Gospel of Luke.*
London: James Carter, n.d.

Darby, J. N.
*The Man of Sorrows.*
Glasgow: Pickering and Inglis, n.d.

Darby, J. N.
*Notes of Addresses on the Gospel of Luke.*
London: C.A. Hammond, n.d.

Erdman, Charles. R.
*The Gospel of Luke.*
Philadelphia: The Westminster Press, 1921.

Geldenhuys, Norval.
*Commentary on the Gospel of Luke,*
2 vols., Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1977.

Ironside, H. A.
*Addresses on the Gospel of Luke.*
New York: Loizeaux Brothers, 1947.

Kelly, William.
*An Exposition of the Gospel of Luke*
London: Pickering and Inglis, n.d.

Luck, G. Coleman.
*Luke.*
Chicago: Moody Press, 1960.

Morgan, G. Campbell.
*The Gospel According to Luke.*
New York: Fuming H. Revell Co., 1931.

Morris, Leon.
*The Gospel According to St. Luke, TBC.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1974.

Thomas, W. H. Griffith.
*Outline Studies in the Gospel of Luke.*
Grand Rapids: Kregel Publications, 1984.

# ИНҶИЛИ ЮҲАННО

*Аз ҷиҳати амиқии мазмун ин китоб дар ҷаҳон ба худ ҳамтое надорад.*
А.Т. Робертсон

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Мувофиқи гуфтаҳои Юҳанно, китоби вай махсус барои ғайримасеҳиён навишта шудааст – «то шумо имон оваред» (20,31). Калисо ба даъвати расулон пайравӣ намуд: дар асри бистум миллионҳо нусхаҳои кисагии Инҷили Юҳанно пахн карда шуданд.

Аммо Инҷили Юҳанно ҳамчунин барои бисёр масеҳиёни болиғ ва боэҳтимом яке аз китобҳои дӯстдоштаи Навиштаи Муқаддас аст – агар дӯстдоштатарин набошад. Юҳанно на танҳо баъзе фактҳоро аз ҳаёти Худованди мо зикр мекунад; дар китоби вай мо бисёр фикру мулоҳизаҳои расулеро пайдо мекунем, ки аз рӯзҳои ҷавонияш дар Ҷалил то кӯҳансолияш дар вилояти Осиё ҳамроҳи Масеҳ буд. Дар Инҷили вай мо он ояти машҳуреро пайдо мекунем, ки Мартин Лютер «Хушхабар дар шакли хурд» номидааст – Юҳанно 3,16.

Агар Инҷили Юҳанно ягона китоби Паймони Навин мебуд, дар он барои ҳар шахси хоҳишманд «гӯшт» (ва «шир»)-и Каломи Худо бахри омӯхтан ва фикрронии умрбод ба таври кофӣ ёфт мешуд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Масъалаи муаллифии Инҷили чорум дар 150 соли охир хеле васеъ ва фаъолона муҳокима карда мешуд. Сабаби ин шавқи зиёд, бешубҳа, дар он равшаниест, ки инҷилнавис бо он оид ба Илоҳияти Исои Масеҳ шаҳодат медиҳад. Кӯшишҳои исбот кардани он буданд, ки ин Инҷил на маҳсули қаломи шоҳид, балки асари илоҳиётшиноси номаълуми боистеъдод мебошад, ки баъди панҷоҳ ё сад соли воқеаҳои тасвиршаванда зистааст. Пас, Инҷил таълимоти дертари калисоро оид ба Масеҳ ифода мекунад, на онро ки Исо воқеан чӣ гуна буд, дар асл чӣ гуфта буд ва ҳақиқатан чӣ карда буд.

Номи муаллифи Инҷил возеҳан зикр нашудааст, аммо далелҳои зиёде ҳастанд, ки ин маҳз расул Юҳанно, яке аз дувоздаҳ нафар интихобшудагон буд.

Клименти Искандариягӣ дар бораи он навишта буд, ки дӯстони наздики Юҳанно дар Эфесус назди вай омада, пешниҳод намуданд, ки бар иловаи Инҷилҳои синоптикии мавҷуда Инҷили дигареро нависад. Ва инак, бо илҳоми Рӯҳулқудс, расул Инҷили *рӯҳониро* офарид. Ин тамоман маънои онро надорад, ки Инҷилҳои боқимонда рӯҳонӣ *нестанд*. Аммо он задаи махсусе ки Юҳанно ба суханони Масеҳ ва маънои боз ҳам амиқтари *аломатҳои муъҷизаноки* нишондодаи Ӯ мегузорад, ба мо ҳақ медиҳад, то ин Инҷилро «рӯҳонӣ» номем.

#### Шаҳодатҳои берунӣ

Шаҳодатҳои аввалин оид ба он ки муаллифи ин Инҷил Юҳанно аст, дар асарҳои Теофилус аз Антокия (такр. с. 170) вомехӯранд. Аммо зикрҳо ва истинодҳои дигари барвақттар ба Инҷили чорум дар асарҳои Игнатий, Юстини Риёзаткаш (эҳтимол), Тасиан, дар қонуни Мураторӣ ва бидъаткорон Василидий ва Валентин ҳастанд.

Ириней дар силсилаи шогирдоне ки аз Худи Исои Масеҳ ба Юҳанно, аз Юҳанно ба Поликарп ва аз Поликарп ба Ириней меравад, охирин аст. Ҳамин тариқ, даврае аз вақти пайдоиши масеҳият то охири асри дуюм фаро гирифта мешавад. Ириней ин Инҷилро асари Юҳанно ҳисобида, чун аз тарафи калисо эътирофшуда бисёр иқтибос мекунад. Аз Ириней сар карда, ин Инҷил аз тарафи умум, аз ҷумла аз ҷониби Клименти Искандариягӣ ва Тертуллиан, эътироф карда шуд.

То аввали асри нуздаҳ муаллифии Юҳанно боиси шубҳа набуд. Танҳо фирқаи номашҳури Алогҳо ин фактро инкор мекарданд.

Тахмине вуҷуд дорад, ки анҷоми боби 21 дар охири асри якум аз ҷониби пирони калисои Эфесус илова шудааст, то имондорон ба қабул кардани Инҷили Юҳанно ҳавасманд карда шаванд. Ояти 24 боз ба «шогирде ки Исо дӯсташ медошт» ва дар ояти 20 ва низ дар боби 13 зикр шуда буд, ишорат мекунад. Ин ишораҳо ҳамеша ба расул Юҳанно дахлдошта ҳисобида мешуданд.

Илоҳиётшиносони озодандеш бошанд изҳор мекарданд, ки Инҷили чорум дар охири асри дуюм навишта шудааст. Аммо соли 1920 дар Миср порчае аз боби ҳаждаҳуми Инҷили Юҳанно ёфт шуд (Папируси 52, ки ба воситаи усулҳои объективӣ дар нимаи *аввали* асри дуюм, тахминан соли 125-уми милодӣ, санагузорӣ шудааст). Факти дар шаҳрчаи хурд ёфт шудани ин порча (на дар Искандария, масалан) онро тасдиқ мекунад, ки санагузории анъанавии навишта шудан – охири асри якум – дуруст аст, чунки барои аз Эфесус то ҳудуди ҷанубии Миср расидани дастнависҳо вақт лозим аст. Ҳамин гуна порча аз боби панҷуми Инҷили Юҳанно, Папируси Эгертон 2, ки онро низ ба аввали асри дуюм мансуб медонанд, тахминеро тақвият медиҳад, ки ин Инҷил дар замони зиндагии расул Юҳанно навишта шудааст.

**Шаҳодатҳои дохилӣ**

Дар охири асри нуздаҳ олими илоҳиётшиноси машҳури англиканӣ, усқуф Весткотт, муаллифии Юҳанноро хеле боварибахш исбот мекард. Пайдарҳамии мулоҳизаҳои вай чунин аст: 1) муаллиф, бешубҳа, *яҳудӣ* аст – тарзи навишт, захираи луғавӣ, донистани урфу одатҳо ва хусусиятҳои фарҳангии яҳудиён, ва низ зерматни Аҳди Қадим, ки дар Инҷил зоҳир мешавад, – ҳамаи ин чунин тахминро тасдиқ мекунад: 2) ин шахс *яҳудиест, ки дар Фаластин мезист* (1,28; 2,1.11; 4,46; 11,18.54; 21,1-2). Вай Уршалим ва парастишгоҳро хеле хуб медонад (5,2; 9,7; 18,1; 19,13.17.20. 41; ниг. ҳамчунин 2,14-16; 8,20; 10,22); 3) вай *шоҳиди* воқеаҳоест, ки нақл мекунад: дар матн бисёр ҷузъиёти хурд оид ба ҷои амал, шахсон, замон ва урфу одат вомехӯранд (4,46; 5,14; 6,59; 12,21; 13,1; 14,5.8; 18,6; 19,31); 4) вай *яке аз расулон* аст: вай ҷузъиёти ҳаёти дохилии доираи шогирдон ва ҳаёти Худи Худовандро медонад (6,19.60.61; 12,16; 13,22.28; 16,19); 5) азбаски муаллиф дигар шогирдонро ном ба ном зикр карда, худро ҳеҷ номбар намекунад, ин ба мо ҳақ медиҳад тахмин намоем, ки шогирди беном аз 13,23; 19,26; 20,2; 21,7.20 *расул Юҳанност.* Боз се ҷои муҳими тасдиқкунандаи он ки муаллифии Юҳанно шоҳиди воқеаҳои тасвиршаванда аст: 1,14; 19,35 ва 21,24.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Ириней возеҳу равшан изҳор менамояд, ки Юҳанно Инҷили худро дар Эфесус навиштааст. Агар ҳақ ба ҷониби вай бошад, барвақттарин санагузории имконпазир тахминан ба солҳои 69 ё 70 дахл дорад – вақти ба Эфесус омадани Юҳанно. Азбаски Юҳанно вайроншавии Уршалимро дар ҳеҷ ҷой зикр намекунад, тахмин кардан мумкин аст, ки ин воқеа ҳанӯз ба амал наомада буд. Ин факт имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки Инҷил то ин воқеаи даҳшатнок навишта шуда буд.

Як қатор олимони хеле озодандеши Навиштаи Муқаддас кадом як робитаеро бо лӯлапечҳои дар назди баҳри Мурда ёфтшуда таҳқиқ карда, ақидаеро пешниҳод намуданд, ки Инҷили Юҳанно солҳои 45-66 навишта шудааст. Ин худ аз худ воқеаи ғайриодист, зеро одатан маҳз озодандешон дар санагузориҳои дертар исрор мекунанд, дар ҳоле ки олимони муҳофизакор санагузориҳои барвақттарро ҳимоя мекунанд. Дар ҳолати додашуда анъанаи калисои ибтидоӣ ҷонибдори санагузории дертар аст.

Далелҳо ба фоидаи охири асри якум асоси кофӣ доранд. Бисёрии олимон бо ақидаи Ириней, Клименти Искандариягӣ ва Иероним розиянд, ки Инҷили Юҳанно аз чор Инҷил охирин навишта шудааст ва қисман ба Инҷилҳои синоптикӣ такя мекунад. Дар ин Инҷил, шояд, аз он сабаб оид ба вайроншавии Уршалим чизе гуфта намешавад, ки китоб *баъди* 15-20 сол навишта шудааст, ҳангоме ки изтироби рӯҳии аввал аллакай гузашта буд. Ириней менависад, ки Юҳанно то замони ҳукмронии қайсар Траян, ки соли 98 ба тахт

нишаст, мезист, пас, пурра имкон дорад, ки Инҷил андак пештар аз ин навишта шудааст. Зикрҳо оид ба «яҳудиён» дар ҳамин Инҷил ҳамчунин далели санагузории дертар аст, ҳангоме ки аксуламали яҳудиён ба масеҳият ба таъқибот гузашт.

Ҳамин тариқ, муайян кардани санаи аниқи навишта шудан ғайриимкон ба назар мерасад; давраи аз соли 85 то 95 бештар имконпазир аст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Тамоми Инҷили Юҳанно дар атрофи ҳафт муъҷиза, ё аломатҳо, сохта шудааст, ки Исо дар пеши назари одамон ба амал оварда буд. Ҳар кадоми ин аломатҳо далели он буд, ки Исо Худост. 1) Ба май табдил додани об дар базми арӯсӣ дар Қонои Ҷалил (2,9). 2) Шифо додани писари дарборӣ (4,46-54). 3) Шифо додани бемор дар назди ҳавзи Байт-Ҳасдо (5,2-9). 4) Сер кардани панҷ ҳазор (6,1-14). 5) Дар кӯли Ҷалил қадам задани Исо барои наҷот додани шогирдон аз тӯфон (6,1621). 6) Шифои кӯри модарзод (9,1-7). 7) Растохези Элъозор (11,1-14). Бар иловаи ин ҳафт муъҷизаи дар назди омма ба амал овардашуда муъҷизаи ҳаштум ҳаст, ки Масеҳ дар ҳузури шогирдон аллакай баъди растохези Худ ба амал овард – сайди моҳӣ (21,1-14).

Чарлз Р. Эрдман навишта буд, ки Инҷили чорум «одамони бештареро ба пайравии Масеҳ водор намудааст, имондорони бештареро ба хизмати росткорона илҳом бахшидааст ва беш аз ҳама китобҳои дигар дар назди муҳаққиқон масъалаҳои душворро гузоштааст».

Маҳз аз рӯи Инҷили Юҳанно пайдарҳамии хизматгузории Масеҳ дар рӯи замин барқарор карда мешавад. Агар ба се Инҷили дигар пайравӣ намоем, метавонад чунин тобад, ки он фақат як сол давом кардааст. Дар Юҳанно бошад зикри идҳои ҳарсолаи умумихалқӣ давраи тақрибан сесоларо ҷудо мекунад. Ба ин ҷойҳо диққат диҳед: иди якуми Песаҳи яҳудиён (2,12-13); «иди яҳудиён» (5,1) – ин метавонад ё Песаҳ ё Пурим бошад; иди дуюм (ё сеюми) Песаҳ (6,4); иди хаймаҳо (7,2); иди таҷдид (10,22) ва иди охирини Песаҳ (12,1).

Юҳанно ҳамчунин дар зикри вақт дақиқ аст. Агар се инҷилнависи дигарро зикри тақрибии вақт қонеъ кунонад, Юҳанно чунин ҷузъиётро, ба монанди соати ҳафтум (4,52); рӯзи сеюм (2,1); ду рӯз (11,6); шаш рӯз (12,1) зикр мекунад.

*Услуб ва таркиби луғавии* ин Инҷил беҳамто буда, танҳо бо услуби номаҳои Юҳанно муқоисашаванда аст. Ҷумлаҳо дар он кӯтоҳ ва сода мебошанд. Муаллиф яҳудиёна фикр мекунад, агарчи ба забони юнонӣ менависад. Аксаран ҳар қадаре ки фикр муҳимтар бошад, ҷумла ҳамон қадар кӯтоҳтар аст. Таркиби луғавӣ назар ба Инҷилҳои дигар маҳдудтар, аммо аз ҷиҳати маъно амиқтар аст. Ба калимаҳои муҳими зерин ва то чӣ андоза зуд-зуд дар матн такрор шудани онҳо диққат диҳед: Падар (118); имон овардан (100), ҷаҳон (78), дӯст доштан (45), шаҳодат додан (47), ҳаёт (37), нур (24).

Хусусияти фарққунандаи Инҷили Юҳанно аз ҷониби муаллиф бисёр истифода шудани рақами ҳафт ва рақамҳои ба ҳафт тақсимшаванда аст. Дар давоми тамоми Навиштаи Муқаддас бо ин рақам ҳамеша фикри камолот ва пуррагӣ вобаста аст (ниг. Ҳас. 2,1-3). Дар Инҷили додашуда Рӯҳи Худо ваҳйи Худоро дар шахси Исои Масеҳ комил ва пурра кардааст, бинобар ин намунаҳо ва тимсолҳои гуногуни вобаста ба рақами ҳафт дар ин ҷо нисбатан зиёд вомехӯранд.

Ҳамчунин ҳафт «Ман ҳастам» аз Инҷили Юҳанно маълуманд: «Нони ҳаёт» (6,35.41. 48.51); «Нури ҷаҳон» (8,12; 9,5); «Дар» (10,7.9); «Чӯпони нек» (10,11.14); «Қиёмат ва ҳаёт» (11,25); «Роҳ ва Ростӣ ва Ҳаёт» (14,6) ва «Ток» (15,1.5). Дигар «Ман ҳастам» ё «ин Манам», ки он қадар машҳур нестанд ва аз пайи онҳо муайянкунӣ намеояд, ҳамин далелро ба таври одӣ зикр мекунанд: 4,26; 6,20; 8,24.28.58; 13,19; 18,5.8; дар ояти охир ду бор.

Дар боби шашум, ки сухан оид ба нони ҳаёт меравад, калимаи юноние ки «нон» тарҷума мешавад, 21 бор вомехӯрад – рақаме ки ба ҳафт тақсим мешавад. Дар ҳамин боб ибораи «нон аз осмон» расо ҳафт бор вомехӯрад, ҳамон қадаре ки «аз осмон нозилшуда» вомехӯрад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки Юҳанно ин Инҷилро навишт, то ҳама касони хондагӣ «имон оваранд, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбанд» (20,31).

# Нақша

I. ПЕШГУФТОР: ОМАДАНИ ЯКУМИ ПИСАРИ ХУДО (1,1-18)
II. СОЛИ ЯКУМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО (1,19–4,54)
III. СОЛИ ДУЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 5)
IV. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: ҶАЛИЛ (Б. 6)
V. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: УРШАЛИМ (7,1–10,39)
VI. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: ПЕРЕЯ (10,40–11,57)
VII. ХИЗМАТИ ПИСАРИ ХУДО БА МАНСУБОНИ ХУД (Б. 12–17)
VIII. АЗОБҲО ВА МАРГИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 18 ва 19)
IX. ТАНТАНАИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 20)
X. ОХИРСУХАН: ПИСАРИ ЗИНДАШУДАИ ХУДО ҲАМРОҲИ МАНСУБОНИ ХУД (Б. 21)

# Тафсир

## I. ПЕШГУФТОР: ОМАДАНИ ЯКУМИ ПИСАРИ ХУДО (1,1-18)

Юҳанно Инҷили худро бо нақл оид ба *Калом* сар мекунад, аммо якбора намефаҳмонад, ки Калом кист ё чист. Калом (сухан) – воҳиди забонист, ки бо ёрии он мо фикри худро ба дигарон баён карда метавонем. Аммо Юҳанно аниқтараш на оид ба *забон,* балки оид ба *Шахс* менависад. Ин Шахс – Худованд Исои Масеҳ, Писари Худост. Худо Худро дар Шахсияти Исои Масеҳ пурра ошкор намуд. Ба ҷаҳон омада, Масеҳ ба таври комил ба мо нишон дод, ки Худо чӣ гуна аст. Ба ҷои мо дар салиб мурда, Ӯ ба мо фаҳмонд, ки Худо моро то чӣ андоза зиёд дӯст медорад. Ҳамин тариқ, Масеҳ – Каломи зиндаи Худо ба одам, ифодаи фикрҳои Худост.

### A. Сухан дар ҷовидонӣ ва вақт (1,1-5)

**1,1** *Дар ибтидо Калом буд.* Ӯ Худ ибтидо надошт, балки ҷовидона вуҷуд дошт. Дар он гузаштае ки ақли одамӣ онро фаро гирифта метавонад, Худованд Исо ҳамеша буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ офарида нашуда буд. Ӯ ибтидо надошт. (Насабнома дар Инҷил оид ба Писари Худо даркор ҳам нест). *Ва Калом бо Худо буд.* Ӯ Шахсияти алоҳида ва мустақил буд. Ӯ танҳо идея, фикр ё ягон намунаи номуайян набуд, балки Шахсияти воқеӣ буд, ки *бо Худо* мезист. *Ва Калом Худо буд.* Ӯ на танҳо дар назди *Худо* буд, балки Ӯ Худ *Худо буд.*

Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки як Худо ҳаст, ва Ӯ дар се Шахсият ягона аст – Падар, Писар ва Рӯҳулқудс. Ҳар се Шахсият Худо мебошанд. Дар ин оят ду шахсият зикр шудаанд – Худо Падар ва Худо Писар. Ин аввалин зикрест аз бисёр зикрҳои равшани ин Инҷил оид ба Худо будани Исои Масеҳ. Ӯ «яке аз худоён» аст; Ӯ ба Худо монанд аст ё Ӯ илоҳӣ аст гуфтан кофӣ нест. Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки Ӯ *Худост.*

**1,2** Ояти 2 дар назари аввал такрори одии чизи зикршуда метобад, аммо дар асл ин тавр нест. Ин оят таълим медиҳад, ки Шахсияти Масеҳ ва илоҳияти Ӯ *ибтидо* надоштанд. Ӯ бори аввал дар Кӯдак аз Байт-Лаҳм таҷассум ёфта, Шахсият нашудааст. Ва алалхусус Ӯ баъди аз мурдагон бархостанаш Худо нашудааст, чунон ки ҳозир баъзеҳо таълим медиҳанд. Ӯ аз азал Худост.

**1,3** *Ҳама чиз ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад.* Ӯ офарида нашуда буд; балки Ӯ Офаридгори *ҳама чиз* буд. Ӯ инсоният, ҳайвонот, сайёраҳои осмон, фариштагонро офарид – ҳама чизи дидашаванда ва диданашавандаро. *Ва ҳар он чи вуҷуд ёфт, бе Ӯ вуҷуд наёфт.* Ин суханон ҳеҷ гуна истисноӣ имконпазирро роҳ намедиҳанд. Агар ҳама чиз офарида шуда бошад, он аз ҷониби Ӯ офарида шудааст. Ва табиист, ки Ӯ, чун Офаридгор, аз ҳама чизи офаридааш

афзалтар аст. Ҳар се Шахсияти Худо дар раванди офариниш иштирок доштанд: «Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид» (Ҳас. 1,1). «Ва Рӯҳи Худо бар рӯи об дар парвоз буд» (Ҳас. 1,2). «Ҳамааш ба воситаи Ӯ (Масеҳ) ва барои Ӯ ба вуҷуд оварда шудааст» (Кул. 1,16).

**1,4** *Дар Ӯ ҳаёт буд.* Ин на танҳо маънои онро дорад, ки Ӯ зинда буд, балки низ онро ифода мекунад, ки Ӯ *сарчашмаи ҳаёт* буд ва ҳаст. Калом ин ҷо ҳам ҳаёти табиӣ ва ҳам рӯҳониро дар бар мегирад. Таваллуд шуда, мо ҳаёти табииро гирифтем. Ҳангоме ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, мо дорои ҳаёти рӯҳонӣ мешавем. Ҳар ду ҳаёт аз Ӯ бармеоянд.

*Ва ҳаёт нури одамиён буд.* Ӯ на танҳо Онест, ки ба мо ҳаёт бахшидааст, Ӯ ҳамчунин Онест, ки *нури одамиён* мебошад. Ӯ роҳнамоӣ ва роҳбариро, ки ба одам даркор аст, медиҳад. Охир, вуҷуд доштан як чиз аст, ва донистани чӣ гуна зистан, донистани мақсади ҳақиқии ҳаёт ва донистани роҳ ба сӯи осмон – чизи дигар. Ӯ ҳам Онест, ки ба мо *ҳаёт* додааст, ва ҳам Онест, ки роҳи мерафтаамонро равшан менамояд.

Дар боби якуми Инҷил ҳафт номи оличаноби Худованди мо Исои Масеҳ оварда мешаванд. Номҳои Ӯ: 1) Калом (о. 1.14); 2) Нур (о.5.7); 3) Барраи Худо (о. 29.36); 4) Писари Худо (о. 34.49); 5) Масеҳ (Христос) (о. 41); 6) Подшоҳи Исроил (о. 49); 7) Писари Одам (о. 51). Чор номи аввал, ки ҳар кадом камаш ду бор зикр мешавад, аз афташ, ба ҳама гуна истифода мувофиқ мебошанд. Се номи охир, ки ҳар кадом танҳо як бор зикр мешавад, ба Исроил, халқи қадимии Худо, дахл доштанд.

**1,5** *Ва нур дар торикӣ медурахшад.* Пайдоиши гуноҳ ақлҳои одамиёнро хира кард. Гуноҳ ҷаҳонро ба *торикӣ* ғӯтонд ба он маъное ки одамон на танҳо Худоро намедонистанд, балки донистан ҳам намехостанд. Худованд Исо – *нуре* ки дар торикӣ медурахшад, ана ба ҳамин *торикӣ* омад.

*Ва торикӣ онро дарнаёфт.* Ин чунин маъно дошта метавонад, ки ҳангоме Худованд Исо ба ҷаҳон омад, торикӣ Ӯро намефаҳмид. Одамон намефаҳмиданд, ки дар асл Ӯ Кист ё барои чӣ омадааст. Маънидоди дигаре низ ҳаст: «торикӣ бар он дастболо нашуд / фаро нагирифт». Ин чунин фикрро баён мекард: аз ҷониби одамон рад шудан ва муносибати душманонаи онҳо ба дурахшидани *нури* ҳақиқӣ халал нарасонданд.

## Б. Хизматгузории Яҳёи Таъмиддиҳанда (1,6-8)

**1,6** Ояти 6 ба Яҳёи Таъмиддиҳанда дахл дорад. *Яҳёи* Таъмиддиҳанда аз ҷониби Худо чун саромади Худованд Исо *фиристода шуда буд.* Вазифаи вай аз он иборат буд, ки омадани Масеҳро эълон намояд ва одамонро ба қабул кардани Ӯ тайёр намояд.

**1,7** *Вай* барои шаҳодат додан оид ба он омад, ки Исо ҳақиқатан Нури ҷаҳон буд, *то ҳамаи* одамон *ба воситаи Ӯ имон оварда* тавонанд.

**1,8** Агар Яҳё диққатро ба худ ҷалб кунонданӣ мешуд, ба вазифаи гузошташуда содиқ намебуд. Вай одамонро на сӯи худ, балки сӯи Исо роҳнамоӣ намуд.

## В. Омадани аввали Писари Худо (1,9-18)

**1,9** *Он Нури ҳақиқӣ буд.* Дар давоми асрҳои зиёд одамони гуногун изҳор мекарданд, ки онҳо роҳбарон ва наҷотдиҳандагон ҳастанд, аммо Оне ки Яҳё дар борааш шаҳодат медод, Нури ҳақиқӣ, Нури беҳтарин ва ҳақиқитарин буд. Тарҷумаи дигари ин оят чунин садо медиҳад: «Нури ҳақиқӣ, ки ба ҷаҳон даромада, ба ҳар як шахс нур медиҳад». Маҳз ба шарофати омадани *Нури ҳақиқӣ ба ҷаҳон* ҳар одам дорои нур шуд. Ин чунин маъное надорад, ки ҳар одам оид ба Масеҳ як дониши ботинис гирифт. Ин ҳамчунин он маъноеро надорад, ки ҳамаи одамон дар ин ё он замон оид ба Худованд Исо шунида буданд. Аниқтараш, ин чунин маъно дорад, ки *Нур* барои ҳамаи одамон, новобаста ба миллат, нажод ё ранги пӯст, медурахшад. Ин ҳамчунин маънои онро дорад, ки бар ҳамаи одамон бо нур рӯшноӣ дода, Худованд Исо моҳияти ҳақиқии онҳоро аён кард. Ӯ ба ин ҷаҳон чун Одами комил омада, нишон дод, ки дигарон то чӣ андоза нокомиланд. Вақте ки ҳуҷра торик аст, шумо чангро бар рӯи мебел намебинед. Аммо ҳангоме ки ба он рӯшноӣ ворид мешавад, ҳуҷра чунон ки дар асл ҳаст, ба назар мерасад. Айнан ҳамин тавр ҷилои *Нури ҳақиқӣ* одамро чунон ки дар асл ҳаст, нишон медиҳад.

**1,10** Аз вақти таваллуди Худ дар Байт-Лаҳм то он рӯзе ки Ӯ ба осмон бозгашт, Исо *дар* ҳамон *ҷаҳоне буд,* ки мо ҳастем. Ӯ ҳамаи ин ҷаҳонро офарид ва Соҳиби қонунии он буд. Ба ҷои он ки Ӯро чун Офаридгор эътироф кунанд, одамон гумон мекарданд, ки Ӯ ҳамагӣ монанди онҳо одамест. Онҳо ба Ӯ чун бо бегона ва радди маърака муносибат мекарданд.

**1,11** *Ӯ ба мулки Худ омад.* Ӯ ба мулки касе дастдарозӣ накарда буд. Зиёда аз ин, Ӯ дар сайёрае мезист, ки Худаш офарида буд. *Ва қавмаш* (одамон) *Ӯро қабул накард.* Ба маънои умумӣ ин ба тамоми инсоният дахл дошта метавонист; ва дар ҳақиқат, аксари инсоният Ӯро рад мекард. Аммо ба маънои тангтар халқи интихобшудаи заминии Ӯ яҳудиён буданд. Ба ҷаҳон омада, Ӯ ба яҳудиён чун Масеҳи онҳо зоҳир шуд, аммо онҳо *Ӯро қабул накарданд.*

**1,12** Инак, акнун Ӯ боз Худро ба инсоният пешниҳод мекунад, ва ба онҳое ки *Ӯро* қабул мекунанд, *қудрат* ё ҳақ медиҳад, *ки фарзандони Худо гарданд.*

Ин оят ба мо возеҳан мегӯяд, ки чӣ гуна мо метавонем *фарзандони Худо* гардем. Моро на корҳои нек, на узвият дар калисо, на саъю кӯшиши афзунамон фарзандони Худо мегардонанд, танҳо як чиз даркор аст – *Ӯро* қабул кардан, *ба номи Ӯ* имон овардан.

**1,13** Барои ба маънии табиӣ кӯдак шудан *таваллуд ёфтан* лозим аст. Айнан ҳамин тавр барои фарзанди Худо шудан таваллуди дубора ёфтан лозим аст. Он чун таваллуд аз олами боло, ё бозгашт кардан ва ё наҷот маълум аст. Ин оят ба мо се роҳро, ки ба таваллуд аз олами боло намебаранд, ва танҳо як роҳи ба даст овардани онро ошкор мекунад. Дар аввал – се роҳ, ки моро ба таваллуд аз олами боло оварда наметавонанд. *На аз хун.* Ин чунин маъно дорад, ки одам волидони масеҳӣ дошта, аз рӯи мерос масеҳӣ намешавад. Наҷот аз волидон ба кӯдак ба воситаи *хун* намегузарад. Он *на аз хоҳиши ҷисм* аст. Дигар хел карда гӯем, одам бо кӯшишҳои *ҷисми* худ аз олами боло таваллуд ёфта наметавонад. Яъне, агарчи одам мехоҳад наҷот ёбад, хоҳиши худи вай барои ин кофӣ нест. Он *на аз хоҳиши марде аст.* Ҳеҷ шахс ба шахси дигар наҷотро дода наметавонад. Воиз, масалан, метавонад хоҳиши сахте дошта бошад, ки шахси муайяне аз олами боло таваллуд шавад, аммо вай қудрат надорад, ки ин таваллуди муъҷизаосоро диҳад. Пас ин таваллуд чӣ гуна ба амал меояд? Ҷавобро дар ин суханон меёбем: *балки аз Худо.* Ин ҳамагӣ маънои онро дорад, ки қуввае ки одамро ба ҳаёти нав зинда карда метавонад, на дар чизе ё касе, балки дар Худост.

**1,14** *Ва Калом ҷисм гардид,* ҳангоме ки Исо дар симои Кӯдак дар Байт-Лаҳм таваллуд шуд. Ӯ, чун Писари Худо, ҳамеша бо Падар дар осмон буд ва инак дар ҷисми одамӣ ба ҷаҳон омад. Ӯ *дар миёни мо сокин шуд.* Омадани Ӯ зоҳиршавии кӯтоҳмуддат набуд, ки метавонист боиси ягон хато ё нофаҳмие шавад. Худо ҳақиқатан ба ин замин омад ва дар байни одамон чун Одам мезист. *«Сокин шуд»* чунин маъно дорад: «дар хайма мезист» ё «хаймаи Худро рост кард». Ҷисми Ӯ «хайма»-е буд, ки дар он Ӯ муддати 33 сол байни одамон мезист.

*Ва мо ҷалоли Ӯро дидем.* Дар Навиштаи Муқаддас «ҷалол» аксаран маънои нури равшан, дурахшандаро дорад, ки дар ҳузури Худо намоён буд. Он ҳамчунин маънои камолот ва қуддусияти Худоро ифода мекунад. Дар замин зиста, Худованд Исо ҷалоли Худро дар ҷисми одамӣ ниҳон медошт. Аммо ҷалоли Ӯ бо ду восита зоҳир гардида буд. Аввалан, дар Ӯ *ҷалоли* ахлоқӣ буд. Бо ин мо дурахшидани ҳаёт ва хислати Худи Ӯро дар назар дорем. Дар он ҳеҷ айбе ё ягон хато набуд. Ӯ аз ҳама ҷиҳат комил буд. Ҳамаи фазилатҳои Ӯ дар ҳаёташ бо ҳамоҳангии мутлақ зоҳир гардида буданд. Сипас дар кӯҳи Дигаргуншавӣ *ҷалоли* Ӯ аёнан зоҳир шуд (Мат. 17,1.2). Дар он лаҳза Петрус, Яъқуб ва Юҳанно рӯи Ӯро диданд, ки чун офтоб дурахшон шуда, либосаш чун нур сафед гаштааст. Ба ин се шогирд имконияти пешакӣ дидани тамоми ҳашамате дода шуда буд, ки Худованд Исо ҳангоме хоҳад дошт, ки ба замин бозмегардад ва дар давоми ҳазор сол ҳукмронӣ мекунад.

Бешубҳа, суханони «мо *ҷалоли Ӯро дидем»,* ки Юҳанно ба забон овардааст, пеш аз ҳама ба ҷалоли ахлоқии Худованд Исо дахл доранд. Ӯ ва шогирдони дигар муъҷизаи ҳаёти мутлақо комилро, ки ягон вақт дар рӯи замин вуҷуд дошт, мушоҳида мекарданд. Аммо онро низ тахмин кардан мумкин аст, ки Юҳанно воқеаро бар кӯҳи Дигаргуншавӣ дар назар дошт. Ҷалоле ки ба шогирдон зоҳир карда шуд, тасдиқ намуд, ки Ӯ ҳақиқатан Писари Худост. Исо – *Писари ягонаи Падар,* яъне Масеҳ – ягона Писари Худост. Худо ҳеҷ гоҳ Писари дигаре

чун Ӯ надошт. Ба як маъноe ҳамаи имондорони ҳақиқӣ писарони Худоянд. Аммо Исо – Писари Худо – дар навъи худ ягона аст. Писари Худо буда, Ӯ ба Худо баробар аст.

Наҷотдиҳанда *пур аз файз ва ростӣ* буд. Аз як тараф, Ӯ пур аз меҳрубонӣ ба одамоне буд, ки сазовори он набуданд. Аз тарафи дигар бошад Ӯ мутлақо бовиҷдон ва росткор буд ва ҳеҷ гоҳ гуноҳро маъзур надоштааст ва бадиро дастгирӣ накардааст. Мутлақо меҳрубон ва дар айни замон мутлақо одил будан чизест, ки онро танҳо Худо карда метавонад.

**1,15** Яҳёи Таъмиддиҳанда оид ба он *шаҳодат дод,* ки Исо Писари Худо буд. Пеш аз он ки Худованд хизматгузорияшро сар кунад, Яҳё оид ба Ӯ ба мардум хабар дод. Ҳангоме ки Исо ба хизматгузорӣ баромад, Яҳё чунин суханонро ба забон овард: «Ин аст Он ки ман дар бораaш гуфтам ...» Агар сухан дар бораи таваллуд ва хизматгузории Исо равад, Ӯ *пас аз* Яҳё омад. Ӯ баъди шаш моҳи таваллуди Яҳё таваллуд шуда, баъди чанд муддате ки Яҳё мавъиза кардан ва таъмид доданро сар кард, дар назди халқи Исроил ҳозир шуд. Аммо Исо *аз* Яҳё *бузургтар буд.* Ӯ аз он сабаб сазовори шарафи бештар буд, ки Ӯ *пеш аз* Яҳё *буд.* Ӯ, Писари Худо, ҷовидона вуҷуд дошт.

**1,16** Ҳамаи онҳое ки ба Худованд Исо имон доранд, *аз пуррагии Ӯ* қувваи рӯҳонӣ мегиранд. Пуррагии Ӯ ба андозаe бузург аст, ки Ӯ метавонад тамоми масеҳиёнро дар ҳамаи кишварҳо ва дар ҳамаи асрҳо бо он таъмин кунад. Маънои ибораи «файз аз пайи файз», шояд, «файзи фаровон» аст. Ин ҷо файз ҳусни таваҷҷуҳи меҳрубононаи Худост, ки Ӯ онро ба фарзандони дӯстдоштаи Худ фурӯ мерезад.

**1,17** Юҳанно давраи Аҳди Қадимро ба давраи Аҳди Нав муқобил мегузорад. *Шариате* ки *ба воситаи Мусо дода шуд,* зоҳиршавии файз набуд. Он аз одамон итоатро талаб менамуд ва дар ҳолати вайрон кардани он ба марг маҳкум мекард. Он ба одамон нишон медод, ки чӣ хуб аст, аммо барои ҳамин тавр амал кардан қувват намедод. Он барои ба одамон нишон додани гуноҳкор буданашон дода шуда буд, лекин онҳоро аз гуноҳ ҳифз карда наметавонист. *Аммо файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ омад.* Ӯ на барои доварӣ кардани ҷаҳон, балки барои наҷот додани нолоиқон омад, ки худро наҷот дода наметавонистанд ва душманони Ӯ буданд. Ана ҳамин аст *файз* – беҳтарини осмонҳо барои бадтарини замин.

На танҳо *файз,* балки *ростӣ* низ *ба воситаи Исои Масеҳ* омад. Ӯ оид ба Худ гуфт: «Ман ... Ростӣ ҳастам». Ӯ дар тамоми суханон ва амалҳои Худ боинсоф буд. Ӯ барои зоҳир намудани файз *ростиро* сарфи назар намекард. Ӯ гуноҳкоронро дӯст медошт, аммо гуноҳҳои онҳоро дӯст намедошт. Ӯ мефаҳмид, ки музди гуноҳ марг аст. Дар натиҷа Ӯ Худ гирифтори он марге гардид, ки мо сазовораш будем, то муҳаббати беандозаи Худро, ки мо сазовори он нестем, ва низ хоҳиши наҷот додани ҷонҳои мо ва ба мо дар осмонҳо додани ҳаётро зоҳир намояд.

**1,18** *Худоро ҳаргиз касе надидааст.* Худо рӯҳ аст ва бинобар ин Ӯ диданашаванда аст. Ӯ ҷисм надорад. Агарчи Ӯ дар Аҳди Қадим ба одамон дар симои фаришта ё одам зоҳир мешуд, ин зуҳурот далели он буда наметавонанд, ки Худо маҳз ҳамин гуна намуд дорад. Инҳо фақат ғилофҳои муваққатие буданд, ки Ӯ интихоб карда буд, то бо одамони Худ гап занад. Танҳо Худованд Исо *Писари ягонаи*[1] Худост; Ӯ ягона Писари Ӯст; ва писари дигаре чун Ӯ нест. Ӯ ҳамеша ҷои махсусан наздикро ба Худо Падар ишғол мекунад. Ҳатто ҳангоме ки Исо ин ҷо, дар замин буд, Ӯ ба ҳар ҳол *дар оғӯши Падар* буд. Ӯ бо Худо як ва бо Худо баробар буд. Ин Шахси муборак ба андозаи пурра ба одамон нишон дод, ки Худо Кист. Ҳангоме ки одамон Исоро медиданд, онҳо Худоро медиданд. Онҳо чизеро мешуниданд, ки Худо мегуфт. Онҳо муҳаббат ва меҳрубонии Худоро эҳсос мекарданд. Мақсадҳои Худо ва муносибати Ӯ ба инсоният ба воситаи Масеҳ пурра *зоҳир* шуда буданд.

## II. СОЛИ ЯКУМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО (1,19–4,54)

### А. Шаҳодати Яҳёи Таъмиддиҳанда (1,19-34)

**1,19** Ҳангоме ба *Уршалим* хабар расид, ки *Яҳё* ном шахсе мардумро ба тавба даъват мекунад, зеро бояд Масеҳ биёяд, яҳудиён гурӯҳи *коҳинон ва левизодагонро фиристоданд,* то аниқ кунанд, ки вай кист. *Коҳинон* дар парастишгоҳ хизмати махсусеро ба ҷо меоварданд, дар ҳоле

ки *левизодагон* ходимоне буданд, ки дар парастишгоҳ вазифаҳои умумиро иҷро мекарданд. *«Ту кистӣ?»* – пурсиданд онҳо аз Яҳё. – «Оё Масеҳе ки дер боз интизораш ҳастем, Туӣ?»

**1,20** Каси дигаре метавонист аз ин имконият истифода барад, то ки худро Масеҳ номида шуҳратманд шавад. Аммо Яҳё шоҳиди амин буд. Вай оид ба он шаҳодат дод, ки вай *Масеҳ нест.*

**1,21-22** Яҳудиён интизор буданд, ки то ба замин омадани Масеҳ Илёс хоҳад омад (Мал. 4,5). Онҳо чунин муҳокимаронӣ мекарданд: Агар Яҳё Масеҳ набошад, шояд, вай *Илёс* аст. Аммо Яҳё онҳоро бовар кунонд, ки вай *Илёс* нест. Дар Такрори Шариат 18,15 Мусо гуфта буд: «Пайғамбаре мисли ман аз миёни ту, аз бародарони ту Худованд Худоят барои ту ба майдон хоҳад овард; ба Вай гӯш диҳед». Яҳудиён ин пешгӯиро ба ёд оварданд ва гумон карданд, ки Яҳё ҳамин *пайғамбаре* буда метавонист, ки Мусо зикр кардааст. Аммо боз ҳам Яҳё бовар кунонд, ки чунин нест. Намояндагон намехостанд ба Уршалим назди фиристодагонашон бе *ҷавоби* муайян баргарданд, бинобар ин онҳо ба Яҳё боз савол доданд, ки вай кист.

**1,23** *Вай гуфт: «Ман овози нидокунандае дар биёбонам».* Дар ҷавоби саволи онҳо Таъмиддиҳанда Ишаъё 40,3-ро иқтибос овард. Он ҷо пешгӯӣ оид ба он навишта шудааст, ки саромаде пайдо шуда, омадани Масеҳро хабар хоҳад дод. Дигар хел карда гӯем, Яҳё тасдиқ кард, ки саромади пешгӯишуда аст. Ӯ *овоз* буд, Исроил бошад – *биёбон*. Одамон аз боиси гуноҳ ва аз Худо рӯ гардонданашон дилсахт ва чун биёбон бесамар шуда буданд. Яҳё оид ба худ танҳо чун оид ба *овоз* мегуфт. Вай худро одами бузурге вонамуд намекард, ки вайро ситоиш кардан ва аз вай ба ваҷд омадан лозим аст. Ӯ *овоз* аст, ки онро на дидан, балки шунидан лозим аст. Яҳё *овоз* буд, Масеҳ бошад Калом буд. Калом ба овоз эҳтиёҷ дорад, то дар бораи он донанд, овоз бе калом ҳеҷ маъное надорад. Калом аз овоз беандоза бузургтар аст, аммо ин имтиёзи мо низ ҳаст – барои Ӯ овоз будан.

Яҳё хабареро мерасонд: *«Роҳи Худовандро рост кунед».* Дигар хел карда гӯем: «Масеҳ меояд. Аз ҳаёти худ ҳама чизҳоеро, ки ба пешвоз гирифтани Ӯ халал мерасонанд, дур кунед. Аз гуноҳҳои худ тавба кунед, то ки Ӯ омада бар шумо чун Подшоҳи Исроил ҳукмронӣ кунад».

**1,24-25** *Фарисиён* фирқаи сахтгири яҳудиён буда, бо дониши аълои шариат ва кӯшиши ба ҷо овардани ҷузъиёти хурдтарини фармонҳои Аҳди Қадим фахр мекарданд. Амалан бисёрии онҳо риёкорон буданд, ки ниқоби диндориро мепӯшиданд, аммо дар асл ҳаёти хеле гуноҳкорона ба сар мебурданд. Онҳо донистан мехостанд, ки агар Яҳё яке аз шахсони соҳибқудрати номбаркардаи онҳо набошад, барои таъмид додан чӣ ҳақ дорад.

**1,26-27** *«Ман бо об таъмид медиҳам»,* – гуфт *Яҳё*. Вай намехост, ки касе оид ба аҳамиятнокии вай фикр кунад. Вазифаи вай фақат аз он иборат буд, ки одамонро ба омадани Масеҳ тайёр кунад. Ҳар боре ки шунавандагони вай аз гуноҳҳояшон тавба мекарданд, вай онҳоро дар об таъмид медод. Маросими таъмид дар об рамзи дигаргуншавии дохилии онҳо буд. *«Лекин дар миёни шумо Касе истодааст, ки шумо Ӯро намешиносед»,* – давом медод Яҳё, ва албатта, Исоро дар назар дошт. Фарисиён Ӯро чун Масеҳе ки дер боз интизораш буданд, нашинохтанд. Амалан Яҳё ба фарисиён мегуфт: «Маро одами бузург гумон накунед. Таваҷҷуҳи худро бояд ба Ӯ равона кунед, зеро Ӯ Худованд Исо аст; аммо *шумо намешиносед,* ки Ӯ дар асл кист». Ӯ Онест, ки сазовори аҳамият додан аст. Ӯ баъди Яҳёи Таъмиддиҳанда омад, аммо маҳз Ӯ сазовори ҳама гуна таҳсин ва бартарӣ аст. Ғулом ё шахси тобеъ вазифадор буд, ки банди пойафзоли соҳибашро кушояд. Аммо Яҳё худро *сазовори он* намеҳисобид, ки ҳатто чунин хизмати хоксоронаро барои Масеҳ кунад.

**1,28** Ҷои аниқи *Байт-Абора,* ё Байт-Анё, мувофиқи сарчашмаҳои дигар, маълум нест. Аммо мо медонем, ки ин ҷой дар соҳили шарқии дарёи *Урдун* воқеъ буд. Агар фарз кунем, ки ин Байт-Анё мебошад, ин на он Байт-Анё аст, ки дар назди Уршалим буд.

**1,29** *Фардои* сӯҳбат бо фарисиён аз Уршалим *Яҳё* нигариста, *Исоро дид, ки ба сӯи вай меояд.* Аз ин воқеа ба изтироб омада, вай нидо кард: *«Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебадорад».* Яҳудиён барраро ҳайвони қурбонӣ меҳисобиданд. Худо ба халқи интихобкардаи Худ фармуда буд, ки барраро ба қурбонӣ оварда, ба ҳама чизи атроф хуни онро пошанд. Барра чун ивазкунанда (ҷонишин) мемурд, хуни он барои бахшоиши гуноҳҳо рехта мешуд.

Аммо хуни ҳайвоноти дар давраи Аҳди Қадим кушташуда гуноҳро нобуд намекард. Он барраҳо тимсол буданд: онҳо рамзан ба он ишора мекарданд, ки замоне Худо *Барраро* мефиристад, ки ҳақиқатан ҳамаи гуноҳҳоро бардошта, аз онҳо дур мекунад. Солҳои зиёд яҳудиёни худотарс интизори омадани ин Барра буданд. Ва инак, ниҳоят, ин замон фаро расид, ва Яҳёи Таъмиддиҳанда омадани *Барраи Худоро* бо тантана эълон намуд.

Ҳангоме вай гуфт, ки Исо *гуноҳҳои ҷаҳонро* ба худ хоҳад гирифт, вай дар назар надошт, ки ҳамин тавр ҳамаи гуноҳҳо бахшида мешаванд. Агарчи марги Масеҳ барои гуноҳҳои тамоми *ҷаҳон* музди ба андозаи кофӣ калон аст, танҳо ҳамон гуноҳкорон бахшида мешаванд, ки Худованд Исоро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунанд.

Ҷ. С. Ҷонс ишора мекунад, ки дар ин оят тамоми бартарии кафорати масеҳӣ баён карда шудааст:

1. Он аз ҷиҳати *хислати* қурбонӣ афзалтар аст. Агар дар яҳудият барраҳои одӣ қурбонӣ мешуда бошанд, дар масеҳият Барраи Худо қурбонӣ шуд.
2. Он аз ҷиҳати *таъсирнокии кор* афзалтар аст. Агар дар яҳудият қурбониҳо ҳар сол гуноҳро хотиррасон мекарда бошанд, дар масеҳият қурбонӣ ҳамаи гуноҳҳоро бартараф кард. «Ӯ барои бо қурбонии Худ нобуд кардани гуноҳ омад».
3. Он аз ҷиҳати *доираи таъсир* афзалтар аст. Агар қурбониҳои яҳудӣ имтиёзи фақат як халқ бошанд, дар масеҳият қурбонӣ барои ҳамаи халқҳост; «гуноҳи тамоми ҷаҳонро ба Худ мегирад».[2]

**1,30-31** Яҳё ҳеҷ гоҳ аз гуфтани он хаста намешуд, ки вай фақат роҳро барои Оне тайёр мекунад, ки аз вай бузургтар аст. Исо аз Яҳё бузургтар буд, чунон ки Худо аз одам бузургтар аст. Яҳё якчанд моҳ пештар аз Исо таваллуд шуд, аммо Исо ҷовидона вуҷуд дошт. Ҳангоме ки Яҳё «*Ман Ӯро намешинохтам*» гуфт, вай ҳатман дар назар надошт, ки ҳеҷ гоҳ пештар Исоро надида буд.

Яҳё ва Исо холабачаҳо мебошанд, ва пурра имкон дорад, ки онҳо бо ҳам хеле хуб шинос буданд. Аммо Яҳё то лаҳзаи таъмид дар холабачаи худ Масеҳро нашинохта буд. Вазифаи Яҳё он буд, ки барои Худованд роҳ тайёр кунад, ва баъди омаданаш Ӯро ба халқи Исроил нишон диҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб Яҳё одамонро *бо об* таъмид медод – то ки онҳоро ба омадани Масеҳ тайёр кунад, на ин ки ба тарафи худ шогирдонро ҷалб намояд.

**1,32** Ин ҷо сухан дар бораи он лаҳзае меравад, ки Яҳё Исоро дар Урдун таъмид медод. Дар он лаҳзае ки Худованд аз об баромад, *Рӯҳи* Худо *чун кабӯтаре* фаромада, *бар Ӯ қарор гирифт* (ниг. Мат. 3,16). Сипас муаллиф фаҳмондани аҳамияти ин воқеаро давом медиҳад.

**1,33** Худо ба Яҳё нишон дод, ки Масеҳ омадааст, ва ҳангоме ки Ӯ омад, *Рӯҳ* фаромада, *бар Ӯ* қарор хоҳад гирифт. Пас, ҳангоме ки ин воқеа бо Исо рух дод, Яҳё фаҳмид, ки дар назди вай Касест, ки *бо Рӯҳулқудс* таъмид хоҳад дод. *Рӯҳулқудс* Шахсият аст, яке аз се Шахсияти Ваҳдати Сегона. Ӯ ба Худо Падар ва Худо Писар баробар аст.

Яҳё бо об таъмид медод. Исо бошад бо *Рӯҳулқудс* таъмид хоҳад дод. Таъмид бо Рӯҳулқудс дар рӯзи Пантикост ба амал омад (Аъм. 1,5; 2,4.38). Он вақт Рӯҳулқудс аз осмон фуруд омад, то ки дар ҳар як имондор сокин шавад, ва низ вайро узви Калисо, яъне узви Бадани Масеҳ, гардонад (1Қур. 12,13).

**1,34** Яҳё воқеаи ҳангоми таъмид додани Исо дидаашро ба асос гирифта, дилпурона *шаҳодат* медод, ки Исои Носирӣ *Писари Худо* мебошад, ки ба ҷаҳон омадани Ӯ пешгӯӣ шуда буд. Ҳангоме Яҳё гуфт, ки Масеҳ Писари Худост, вай дар назар дошт, ки Ӯ Худо Писар аст.

## Б. Даъват кардани Андриёс, Юҳанно ва Петрус (1,35-42)

**1,35-36** *Фардои он* – рӯзи сеюми ин ҷо зикршуда аст. *Яҳё бо ду шогирди худ* буд. Ин одамон мавъизаи Яҳёро шунида буданд ва ба гуфтаҳои вай бовар мекарданд. Аммо онҳо ҳанӯз Худованд Исоро вонахӯрда буданд. Акнун Яҳё ба ҳама оид ба Худованд шаҳодат медод. Як рӯз пеш аз ин вай оид ба Шахсияти Ӯ (Барраи Худо) ва Вазифаи Ӯ (Оне ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад) мегуфт. Акнун вай диққатро фақат ба Шахсияти Ӯ ҷалб мекунад. Хабари вай кӯтоҳ ва сода буд, вай на худро, балки Наҷотдиҳандаро болобардор мекард.

**1,37** Аз боиси мавъизаи ҳаққонии худ Яҳё *ду шогирди* худро аз даст дод, аммо вай қаноатманд буд, вақте дид, ки онҳо аз пайи *Исо*

равонаанд. Дар ин барои мо дарсе ҳаст: Мо бояд бештар барои он ғамхорӣ кунем, ки дӯстонамон аз пайи Исо раванд, на ин ки дар бораи мо ақидаи баланд дошта, пайравии моро кунанд.

**1,38** Наҷотдиҳанда ҳамеша ба пайравони Худ аҳамият медиҳад. Ин ҷо Ӯ аҳамият додани Худро бо он зоҳир намуд, ки ба ду шогирд муроҷиат карда пурсид: *«Чӣ мехоҳед?»* Ӯ ҷавоби саволро медонист; Ӯ ҳама чизро медонист. Аммо Ӯ мехост, ки онҳо хоҳиши худро бо суханон ифода кунанд. Ҷавоби онҳо: *«Раббӣ, дар куҷо истиқомат дорӣ?»* – нишон дод, ки онҳо мехостанд бо Худованд бошанд ва Ӯро беҳтар донанд. Танҳо вохӯрӣ бо Ӯ онҳоро қонеъ намекард. Онҳо мехостанд бо Ӯ мушоракат дошта бошанд. «Раббӣ» калимаи яҳудист, ки маънояш «устод» аст (айнан «ҳукмфармои ман»).

**1,39** *Ӯ* ба онҳо *гуфт: «Биёед ва бубинед»*. Ҳеҷ касе ки хоҳиши самимии бештар шинохтани Наҷотдиҳандаро дорад, рад карда намешавад. Исо ду нафарро ба манзили Худ, ки он вақт дар он ҷо мезист, даъват намуд; шояд, дар муқоиса бо хонаҳои ҳозира он манзили хеле фақирона буд.

Онҳо омаданд ва диданд, ки дар куҷо истиқомат дорад, ва он рӯз назди Ӯ монданд. Тақрибан соати даҳ буд.

Ин одамон ҳеҷ гоҳ ба чунин шараф сазовор нашуда буданд. Онҳо шабро дар ҳамон хонае гузаронданд, ки Офаридгори олам он ҷо буд. Онҳо дар қатори аввалин намояндагони халқи яҳудӣ буданд, ки Масеҳро шинохтанд.

*Соати даҳ* – ин ё соати 10 пеш аз нисфирӯзӣ, ё 4 баъди нисфирӯзӣ аст. Одатан барвақттарашро афзал меҳисобанд (вақти румиро).

**1,40** *Яке аз он ду* шогирд *Андриёс буд*. Андриёс имрӯзҳо ба андозаи *бародараш Шимъуни Петрус* он қадар маълум нест, аммо шоёни диққат аст, ки вай аввалин шуда Исоро вохӯрд.

Номи дигарӣ зикр нашудааст, аммо қариб ҳамаи муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас чунин меҳисобанд, ки ин Юҳанност, ки ҳамин Инҷилро навиштааст. Онҳо тахмин мекунанд, ки Юҳанно аз боиси фурӯтанӣ ва хоксории хислат номи худро зикр накардааст.

**1,41** Ҳангоме ки шахс Исоро пайдо мекунад, вай одатан мехоҳад, ки хешовандонаш низ бо Ӯ вохӯранд. Наҷот чизи ниҳоят хуб аст, ва онро танҳо барои худ нигоҳ доштан нашояд. Бинобар ин Андриёс бо хабари ҳаяҷоновар зуд ба назди *бародари худ Шимъун* рафт: *«Мо Масеҳро ёфтем»*. Чӣ хабари ҳаяҷонбахш! Одамон ҳадди ақалл чор ҳазор сол боз Масеҳи ваъдашударо, Тадҳиншудаи Худоро интизор буданд. Ва инак Шимъун аз даҳони бародараш хабари ҳайратовареро мешунавад, ки *Масеҳ* дар наздикист. Онҳо ҳақиқатан дар замоне мезистанд, ки таърих офарида мешуд. Хабари Андриёс чӣ сода буд. Ҳамагӣ се сухан: *«Мо Масеҳро ёфтем»*, аммо Худо онҳоро истифода бурд, то Петрусро ба даст оварад. Ин оят ба мо онро меомӯзад, ки воизи бузург ё нотиқи доно будан шарт нест. Мо бояд бо суханони одӣ ба одамон оид ба Худованд Исо хабар расонем, ва Худо оид ба боқимондааш ғамхорӣ мекунад.

**1,42** Андриёс бародари худро ба ҷои дар корӣ ва ба назди Одами даркорӣ овард. Вай Ӯро ба калисо ё ба назди коҳин наовард, таълимоти диниро баён накард. Андриёс *вайро назди Исо овард*. Чӣ амали муҳиме! Ба шарофати ҳавасмандии Андриёс, Шимъун дертар «сайёд»-и бузурги одамон ва дар байни расулони Худованд яке аз аввалинҳо шуд. Шимъун аз бародараш бештар маълум аст, аммо Андриёс, бешубҳа, мукофоти умумиро бо Петрус тақсим намуд, зеро маҳз вай Петрусро ба назди Масеҳ овард. Худованд номи Шимъунро медонист, агарчи ҳеҷ касе вайро ба Ӯ муаррифӣ накарда буд. Ӯ ҳамчунин медонист, ки Петрус хислати ноустувор дорад. Ва, ниҳоят, вай медонист, ки хислати Шимъун ба дараҷае дигаргун мегардад, ки вай чун харсанг мустаҳкам мешавад.

Исо ҳамаи инро чӣ тавр медонист? Ҷавоб яктост: Ӯ Худо буд ва ҳаст.

Номи Шимъун тағйир ёфт, вайро *Кифо* (ки ба арамӣ маънояш *«санг»* аст) меномидагӣ шуданд, ва вай ҳақиқатан шахси дорои хислати мустаҳкам шуд, хусусан баъди ба осмон рафтани Худованд ва фуруд омадани Рӯҳулқудс.

### В. Даъват кардани Филиппус ва Натанъил (1,43-51)

**1,43** Ин аллакай рӯзи чорум аст, ки мо оид ба он дар боби якум мехонем. Бош зикр мекунад, ки дар рӯзи якум мо фақат Юҳанноро мебинем

(о. 15-28); рӯзи дуюм – Юҳанно ва Исоро (о. 29-34); дар рӯзи сеюм мо Исо ва Юҳанноро мебинем (о. 35-42); ва дар рӯзи чорум мо фақат Исоро мебинем (о. 43-51). Худованд ба шимол, ба вилояте ки чун *Ҷалил* маълум аст, равона шуд. Он ҷо Ӯ *Филиппусро ёфт* ва вайро даъват кард, ки аз пайи Ӯ равад: *«Аз ақиби Ман биё».* Ин суханони бузург мебошанд, чунки онҳоро Ӯ ба забон овардааст; онҳо аз он сабаб низ бузурганд, ки шунавандаашонро сазовори имтиёзи калон гардонданд. Наҷотдиҳанда ҳозир ҳам ба ҳама дар рӯи замин ин даъвати сода, аммо бо вуҷуди он, волоро ба забон меорад.

**1,44** *Байт-Сайдо* шаҳрест дар соҳили кӯли Ҷалил. На он қадар шаҳрҳои зиёд ягон замон сазовори ин гуна шараф гашта буданд. Худованд дар он ҷо як қатор муъҷизаҳои азими Худро ба амал овард (Луқ. 10,13). Ин шаҳри зодгоҳи *Филиппус, Андриёс ва Петрус* буд. Аммо ин шаҳр Наҷотдиҳандаро рад кард ва дар натиҷа чунон вайрон карда шуд, ки акнун мо ҷойи аниқи онро муайян карда наметавонем.

**1,45** Филиппус хурсандии ба даст овардаашро ҳамроҳи касе бо ҳам диданӣ буд, бинобар ин рафта *Натанъилро ёфт.* Навимонон беҳтарин сайёдони ҷонҳо мебошанд. Хабари вай сода ва рӯйрост буд. Вай ба Натанъил хабар дод, ки Масеҳи аз тарафи *Мусо ва пайғамбарон* ваъдашударо *ёфтааст,* – вай *Исо аз Носира* аст. Амалан, хабари вай на он қадар аниқ буд. Вай Исоро *писари Юсуф* номид. Аммо Исоро Марями бокира таваллуд карда буд ва Ӯ падари одамӣ надошт. *Юсуф* Исоро қабул кард ва ҳамин тариқ падарандари Ӯ шуд, аммо на падари ҳақиқияш. Ҷеймс. С. Стюарт тафсир медиҳад:

*Масеҳ дар аввал имони комилро ҳеҷ талаб намекард. Ӯ ҳеҷ гоҳ одате надошт, ки шогирдонро аз сабаби эътирофи нокомилашон ақиб гардонад. Ва пурра аён аст, ки Ӯ имрӯзҳо ҳам ба ин усул рӯ намеоварад. Ӯ дар назди бародарони Худ мебошад. Ӯ ба онҳо пешниҳод мекунад, ки дар ҳама гуна марҳила ба Ӯ ҳамроҳ шаванд. Ӯ онҳоро бо ҳамон имоне ки онҳо пешниҳод карда метавонанд, қабул мекунад. Ӯ мефаҳмад, ки ин ибтидо аст; ва аз ҳамин ҷо Ӯ дӯстони Худро ба пеш мебарад, чунон ки гурӯҳи аввалинро мебурд, тадриҷан, қадам ба қадам, ба сӯи дарки он сирри ботинӣ оид ба он ки Ӯ Кист, ва ба сӯи шарафи бузурги шогирдӣ.*[3]

**1,46** Дар назди *Натанъил* мушкилие пайдо шуд. *Носираи* Ҷалилро бад медиданд. Ва вай ғайриимкон метофт, ки Масеҳ дар чунин ҷои бад зиндагӣ мекунад. Бинобар ин вай саволеро дод, ки вайро хавотир мекард. Филуппус баҳс намекард. Вай ҳис мекард, ки ҷавоби беҳтарин – бевосита ба Худованд Исо муаррифӣ кардани одамон аст (дарси пурқимат барои онҳое ки одамони дигарро барои Масеҳ ба даст овардан мехоҳанд). Баҳс кардан лозим нест. Мубоҳисаҳои дурудароз барпо кардан даркор нест. Ба одамон фақат пешниҳод кардан лозим аст, ки биёянд *ва* бинанд.

**1,47** Ин оят тасдиқ мекунад, ки *Исо* ҳама чизро медонист. Бе ягон хел шиносоии пешакӣ бо *Натанъил* Ӯ эълон намуд, ки вай *исроилии ҳақиқӣ* мебошад, *ки дар вай фиребе нест.* Яъқуб (ки дертар Исроил номида шуд) чун корчаллони на он қадар росткор маълум буд, аммо Натанъил исроилие буд, ки бо Яъқуб ҳеҷ умумияте надошт.

**1,48** *Натанъил,* аз афташ, ҳайрон шуд, ки шахси тамоман ношинос чунон сухан меронад, ки гӯё вайро мешиносад. Аз афташ, ҳангоми дар *зери дарахти анҷир* нишастанаш вай тамоман аз назари одамон ниҳон буд. Он чиз бешубҳа аст, ки шохаҳои хамидаи дарахт ва сабзаи атроф вайро аз назарҳо пинҳон медошт. Аммо Исо вайро *дид,* агарчи вай ин гуна пинҳон буд.

**1,49** Худованд Исо қобилияти дидани чизҳои аз назари одамон ниҳонро дошт, ва ин далел *Натанъилро* бовар кунонд, ки чунин дониш ба Ӯ, шояд, ба таври фавқуттабиӣ дода шудааст. Дар ҳар ҳолат, вай акнун медонист, ки Исо *Писари Худо ва Подшоҳи Исроил* аст.

**1,50** Худованд ба Натанъил ду исботи онро дод, ки Ӯ Масеҳ аст. Ӯ хислати вайро тасвир кард ва гуфт, ки Натанъилро вақте дидааст, ки ҳеҷ кас вайро дида наметавонист. Ин ду исбот барои Натанъил кофӣ буданд, ва вай бовар кард. Аммо акнун Худованд Исо ваъда дод, ки вай исботҳои *бузургтар аз ин* хоҳад *дид.*

**1,51** Ҳар боре ки Исо суханронии Худро бо чунин калимаҳо сар мекард: *«Ба ростӣ, ба ростӣ»* (таҳтуллафзан «Омин, омин»)[4], Ӯ чизи бениҳоят муҳиме гуфтанӣ буд. Ин ҷо Ӯ ба Натанъил он ояндаеро тасвир намуд, ки Ӯ бармегардад ва бар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад. Ҷаҳон он гоҳ хоҳад донист, ки Писари дуредгари сокини Носираи манфур дар ҳақиқат

Писари Худо ва Подшоҳи Исроил аст. Дар он рӯз *осмон кушода* хоҳад шуд. Ҳусни таваҷҷуҳи Худо бар Подшоҳ хоҳад буд, ҳангоме Ӯ подшоҳӣ мекунад, ва Уршалим пойтахти Подшоҳии Ӯст.

Эҳтимол, Натанъил оид ба ҳикоя дар бораи нардбони Яъқуб андеша мекард (Ҳас. 28,12). Ин нардбон бо фариштагони боло мерафта ва поён мефаромада ба вай тимсоли худи Худованд Исои Масеҳ тофт, ки ягона роҳ ба сӯи осмон аст. *Фариштагони Худо* бар *Писари Одам* боло рафта ва поин хоҳанд омад. *Фариштагон* хизматгорони *Худо* мебошанд, ки супоришҳои Ӯро ба ҷо оварда, чун забонаҳои оташ ҳаракат мекунанд. Ҳангоме ки Исо ба тахт менишинад, фариштаҳо хости Ӯро ба ҷо оварда, байни замину осмон парвоз мекунанд.

Исо бо ин ба Натанъил гуфт, ки вай фақат зуҳуроти ночизи Масеҳ будани Ӯро дидааст. Дар Подшоҳии ояндаи Масеҳ вай Худованд Исоро дар тамоми пуррагӣ чун Писари тадҳиншудаи Худо хоҳад дид. Он вақт ҳамаи инсоният мебинад, ки аз Носира низ Каси хубе омада метавонад.

## Г. Муъҷизаи якум: оби ба май табдилёфта (2,1-11)

**2,1** *«Рӯзи сеюм»,* бешубҳа, ба *рӯзи сеюми* дар *Ҷалил* будани Худованд дахл дорад. Дар 1,43 мо хонда будем, ки Наҷотдиҳанда ба он вилоят омад. Мо аниқ намедонем, ки Қоно дар куҷо ҷойгир буд, аммо аз ояти 12-уми ин боб мо медонем, ки он дар наздикии Кафарнаҳум (эҳтимол, дар баландие) воқеъ буд.

Дар ин рӯз *дар Қоно базми арӯсӣ буд, ва модари Исо дар он ҷо буд*. Ба чизи зерин диққат додан шавқовар аст: дар бораи Марям чун дар бораи *модари Исо* гуфта мешавад. Наҷотдиҳанда на аз боиси Писари Марями бокира будан машҳур буд, балки Марям аз боиси модари Худованди мо будан маълум буд. Навиштаи Муқаддас ҳамеша на ба Марям, балки ба Масеҳ ҷои махсусе ҷудо мекунад.

**2,2** *Исо ва шогирдонашро низ ба базм даъват карда буданд.* Масеҳро даъват кардани соҳибони базм хеле оқилона буд. Ин қарор ҳанӯз ҳам оқилона аст, ҳангоме ки одамон Худовандро ба базми худ даъват мекунанд. Барои ин, албатта, арӯсу домод бояд имондорони ҳақиқии Худованд Исо бошанд. Онҳо ҳамчунин бояд ҳаёташонро ба ихтиёри Наҷотдиҳанда супоранд ва ба қароре оянд, ки Ӯ дар хонаи онҳо ҳамеша дилхоҳ аст.

**2,3** Дар базм *май камӣ кард.* Модари Исо инро фаҳмида, зуд ба Писараш хабар дод. Вай медонист, ки Ӯ муъҷиза ба амал оварда бо май таъмин намуда метавонад, ва, шояд, мехост, ки Исо Худро ба меҳмонони ҷамъшуда чун Писари Худо зоҳир намояд. Май дар Навиштаи Муқаддас аксаран рамзи хурсандист. Ҳангоме ки Марям гуфт: *«Май надоранд»,* вай тасвири хеле аниқи мардон ва занони наҷотнаёфтаро дод. Шахси беимон аз хурсандии ҳақиқии бардавом маҳрум аст.

**2,4** Ҷавоби Худованд ба модари Худ хунук ва бепарвоёна ба назар мерасад. Аммо ин инкори на он қадар сахт аст, чунон ки метавонад ба назар намояд. Ифодаи «эй зан», ки ин ҷо истифода шудааст, эҳтиромона аст ва ба калимаҳои «хотун», «хонум» мувофиқат мекунад. *«Ба Ману ту чӣ, эй зан?»* гуфта, Худованд фаҳмонд, ки ҳангоми иҷрои вазифаи илоҳии Худ Ӯ на мувофиқи маслиҳатҳои модараш, балки пурра ба иродаи Падари Осмонии Худ итоат карда, амал мекунад. Марям Исоро дар ҷалол дидан мехост, аммо Ӯро лозим омад ба вай ёдрас намояд, ки вақти ин *ҳанӯз нарасидааст.* Пеш аз он ки Ӯ ба ҷаҳон чун Масеҳи ғолиби ҳама зоҳир шавад, Ӯ бояд ба қурбонгоҳ барояд, ва Ӯ дар салиби Ҷолҷолто ин корро кард.

Вилямс гуфтаҳои зеринро таъкид менамояд:

*Ифодаи «Туро бо Ман чӣ кор аст?» дар Навиштаи Муқаддас якчанд бор такрор мешавад. Он чунин маъно дорад: «Байни Ману ту чӣ умумияте ҳаст?» Ҷавоб: «Ҳеҷ чиз». Довуд ба писарони хоҳараш Саруё муроҷиат карда, ин калимаҳоро ду бор истифода мебарад. Дар ҳаёти рӯҳонӣ байни онҳо ҳеҷ умумияте набуд! Элишоъ ин суханонро (2Подш. 3,13) барои ифодаи он ба кор мебарад, ки чӣ фосилае байни вай ва Йӯром писари Аҳъоб ҳаст. Се маротиба девҳо бо ҳамин суханон ба Масеҳ муроҷиат карда, нишон медиҳанд, ки шайтон бо Масеҳ, ё Масеҳ бо шайтон, ҳеҷ умумияте надорад. Ва, ниҳоят, Худованд ба Марям муроҷиат карда, ин калимаҳоро ба кор бурд, то нишон диҳад, ки байни илоҳияти бегуноҳи Ӯ ва моҳияти*

*гуноҳолуди одамии Марям чи ҷарии бетаге ҳаст ва барои Ӯ танҳо як Овоз эътибор дорад.*[5]

**2,5** Марям маънои суханони Ӯро фаҳмид ва бинобар ин ба хизматгорон гуфт, ки *ҳар чи Ӯ* мефармояд, ба ҷо оваранд. Суханони вай барои ҳар яки мо муҳиманд. Аҳамият диҳед: нафармуд, ки гуфтаҳои вай ё каси дигарро ба ҷо оваранд. Вай ба хизматгорон сӯи Худованд Исо ишора намуда хабар дод, ки Ӯ Онест, ки бояд ба Ӯ итоат намуд. Насиҳатҳои Худованд Исо ба мо дар саҳифаҳои Аҳди Нав дода шудаанд. Ин китоби бебаҳоро хонда, мо бояд суханони охирини навишташудаи Марямро дар ёд дорем: *«Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред»*.

**2,6** Дар он ҷое ки базми арӯсӣ мегузашт, *шаш хуми* калони *сангин истода буд* – зарфҳо барои об, ки ғунҷоиши ҳар яке ҳафтод ё сад литр об буд. Ин обро яҳудиён барои таҳорати маросимӣ ба кор мебурданд. Масалан, агар яҳудӣ ба ҷисми мурда даст расонда бошад, то даме ки маросими поккуниро нагузарад, нопок ҳисобида мешуд.

**2,7** *Исо* фармуд *ки зарфҳоро аз об пур* кунанд. Хизматгорон ҳамон замон фармудаи Ӯро ба ҷо оварданд. Худованд барои ба амал овардани мӯъҷиза воситаҳои дастрасро ба кор бурд. Ӯ фармуд, ки одамон *зарфҳоро аз об пур* кунанд, ва баъд кореро кард, ки ҳеҷ одам карда наметавонад: обро ба май табдил дод! Маҳз хизматгорон, на ин ки шогирдон, зарфҳоро аз об *пур карданд.* Ҳамин тариқ, Худованд ҳама гуна имконияти дар фиреб айбдор карданро пешгирӣ кард. Зарфҳо аз об лаболаб пур буданд, бинобар ин касе гуфта наметавонист, ки ба об май илова кардаанд.

**2,8** Мӯъҷиза ба амал омад. Худованд ба хизматгорон фармуд, ки аз зарфҳо *каме гирифта, ба сардори базм баранд.* Аён аст, ки мӯъҷиза фавран ба амал омад. Об тадриҷан ба май табдил наёфт, балки дар давоми як-ду сония ё наздики он. Касе инро ба таври шоирона ифода намудааст: «Обҳои бехабар ногоҳ Худои худро дида, сурх шуданд».

**2,9** *Сардори базм* барои он масъул буд, ки дар дастурхонҳо ҳама чиз фаровон бошад. Майро *чашида,* вай фаҳмид, ки воқеаи ғайриодие ба амал омадааст. Вай *надонист, ки* май *аз куҷост,* аммо фаҳмид, ки он хеле сифати баланд дорад, бинобар ин фавран *домодро* даъват кард.

Имрӯзҳо масеҳиён ба май бояд чӣ гуна муносибат кунанд? Баъзан май ба мақсади муолиҷа маслиҳат дода мешавад, ва ин пурра ба таълимоти Аҳди Нав мувофиқат мекунад (1Тим. 5,23). Аммо бо назардошти суиистифодаҳои даҳшатовар ва нӯшиданҳои беандоза, ки дар замони мо мушоҳида мешаванд, аксари масеҳиён аз нӯшидани май канораҷӯӣ мекунанд. Ҳар кас метавонад ба нӯшокиҳои спиртӣ вобастагӣ пайдо кунад, ки Навиштаҳо аз он огоҳӣ медиҳанд (Рум. 13,13; Ғал. 5,21; Эфс. 5,18; 1Пет. 4,3). Ин хатарро ба воситаи парҳез аз майнӯшӣ пешгирӣ кардан мумкин аст. Ҳамчунин таъсири рафторамонро ба дигарон муоина намудан лозим аст, ки барои дигарон намунаи бад ё санги пешпо нашавем (Рум. 14,21).

**2,10** Сардори базм диққатро ба хусусияти фарққунандаи рафтори Худованд Исо, ки ба рафтори маъмулии одамон монанд нест, ҷалб менамояд. Одатан *майи* беҳтаринро дар аввали базм медиҳанд, ҳангоме ки одамон мазаи онро беҳтар баҳо дода, аз навъҳои гуногуни он лаззат бурда метавонанд. Дертар, баъди хӯрдан ва нӯшидан, онҳо сифати нӯшокиро хуб баҳо дода наметавонанд. Дар ин тӯйи махсус майи беҳтарин дар охир дода шуда буд. Ин ҷо барои мо маънои рӯҳонӣ ниҳон аст. Одатан ҷаҳон ба одамон чизи беҳтаринро дар аввал пешниҳод менамояд. Пешниҳодҳои аз ҳама ҷозиб ба ҷавонон карда мешаванд. Сипас, ҳангоме ки ҳаёт дар лаззатҳои беҳуда сарф шудааст, ҷаҳон ба одами солхӯрда фақат партовҳоро пешниҳод карда метавонад. Ҳаёти масеҳӣ тамоман баръакси ин аст. Он доимо такмил меёбад. Масеҳ майи беҳтаринро барои охир саришта менамояд. Хурсандӣ то охир давом мекунад.

Ин матни Навиштаи Муқаддас бевосита ба халқи Исроил дахл дорад. Дар он замон яҳудиён аз хурсандии ҳақиқӣ маҳрум буданд. Одамон маросимҳои якрангро риоя мекарданд, ва ҳаёти онҳо дилгиркунанда ва беранг мегузашт. Онҳо дар базми хурсандии илоҳӣ бегонагон буданд. Худованд Исо онҳоро меҷуст, то ба Ӯ бовар карданро таълим диҳад. Ӯ мавҷудияти дилгиркунандаи онҳоро ба фаровонии хурсандӣ табдил медод. Оби маросимҳои яҳудӣ ба майи ҳаёти хурсандона дар Масеҳ табдил ёфта метавонад.

**2,11** Изҳор оид ба он ки *ин саршавии мӯъҷизаҳо буд,* мӯъҷизаҳои аблаҳонаеро, ки

гӯё Худованди мо дар кӯдакӣ ба амал оварда бошад, рад мекунад. Онҳоро дар инҷилҳои қалбакие ба монанди «Инҷили Петрус» пайдо кардан мумкин аст. Он ба Худованди мо муъҷизаҳоеро нисбат медиҳад, ки гӯё ҳангоми кӯдакияш ба амал овардааст. Онҳо моҳиятан аз куфр ҳеҷ фарқе надоранд. Инро пешакӣ дониста, Рӯҳулқудс ин давраи ҳаёти Худованди мо ва хислати Ӯро бо ҳамин изҳори хурд махфӣ нигоҳ дошт.

Ба май табдил ёфтани об аломате буд, яъне муъҷизае ки дар он дарси муайянест. Ин амали фавқулинсонӣ бо маънои рӯҳонӣ буд. Исо муъҷизаҳоро барои нишон додани он ба амал меовард, ки Ӯ ҳақиқатан Масеҳест, ки Худо фиристодааст. Ин аломатҳоро пешниҳод намуда, Ӯ *ҷалоли Худро зоҳир кард*. Ӯ ба одамон шаҳодат дод, ки Ӯ Худост, ки дар ҷисм омадааст. *Шогирдонаш ба Ӯ имон оварданд*. Албатта, онҳо ба Ӯ пештар имон оварда буданд, аммо акнун имони онҳо тақвият ёфт, ва онҳо ба Ӯ пурра боварӣ мекардагӣ шуданд. Синдилан Ҷонс таъкид менамояд:

*Муъҷизаи аввалини Мусо ба хун табдил додани об буд; ин ҷо таъсири ҷиддии вайронкунанда маҳфуз аст. Аммо муъҷизаи якуми Масеҳ ба май табдил додани об гардид; ин ҷо таъсири оромкунанда, тасаллобахш ҳаст.*[6]

### Ғ. Писари Худо хонаи Падари Худро пок мегардонад (2,12-17)

**2,12** Акнун Наҷотдиҳанда Қоноро тарк карда, бо *модар, бародарон ва шогирдони* Худ *ба Кафарнаҳум* омад. Онҳо дар Кафарнаҳум фақат рӯзҳои *каме* монданд. Ба зудӣ Худованд ба Уршалим равона шуд.

**2,13** Дар ин оятҳо ба мо шаҳодати аввалини Худованд оид ба шаҳри *Уршалим* дода шудааст. Ин марҳилаи хизматгузории Ӯ то ояти 21-уми боби 3 давом мекунад. Ӯ хизматгузории Худро бо пок кардани парастишгоҳ дар арафаи *Песаҳи яҳудиён* сар кард ва ба анҷом расонд (муқоиса кунед бо Мат. 21,12.13; Марқ. 11,15-18; Луқ. 19,45.46). Песаҳи яҳудиён ҳар сол чун ёдоварии он ҷашн гирифта мешуд, ки писарони Исроил аз ғуломии Миср озод шуданд, ва аз баҳри Сурх гузашта, ба биёбон, ва сипас ба замини ваъдашуда омаданд. Ҷашнгирии якуми Песаҳи яҳудиён дар боби 12-уми китоби Хуруҷ навишта шудааст. Чун яҳудии худотарс, Худованд Исо барои ҷашн гирифтани ин рӯзи муҳими тақвими яҳудиён *ба Уршалим рафт*.

**2,14** Ба парастишгоҳ омада Ӯ дид, ки он ба бозор табдил ёфтааст. Он ҷо *гову гӯсфанду кабӯтар* мефурӯхтанд ва *саррофон* бо кори худ машғул буданд. Чорво ва парандагон ба шахсоне ки ба парастиш меомаданд, фурӯхта мешуданд. *Саррофон* пулҳои шахсони аз кишварҳои дигар омадаро ба пули Уршалим иваз мекарданд, ки зиёраткунандагон бо он ба парастишгоҳ хайрот медоданд. Маълум аст, ки ин саррофон аксаран имтиёзҳои ғайриқонуниро истифода мебурданд ва мусофирони кишварҳои дурро фиреб медоданд.

**2,15** *Тозиёнае* ки Худованд Исо сохт, эҳтимол, қамчини хурди аз *арғамчин* бофташуда буд. Навишта нашудааст, ки Ӯ бо касеро аз ҳозирон зада бошад. Аз афташ, қамчин фақат рамзи қудрате буд, ки Ӯ дар даст дошт. Онро алвонҷ дода, Ӯ савдогаронро аз *ибодатгоҳ берун ронд* ва *мизҳои* саррофонро *чаппа кард*.

**2,16** Шариат иҷозат медод, ки ба шаҳриёни камбағал ду кабӯтар фурӯхта шавад, чунки онҳо имкони харидани ҳайвоноти қиматтарро надоштанд. Худованд ба *кафтарфурӯшон* фармуд, ки *инҳоро аз ин ҷо гирифта* баранд. Онҳо ҳақ надоштанд *хонаи Падари* Ӯро *хонаи савдогарӣ* кунанд. Дар ҳамаи замонҳо Худо халқи Худро огоҳӣ медод, ки хизматгузории диниро чун воситаи сарватмандшавӣ истифода бурдан мумкин нест. Дар амалҳои Исо ҳеҷ чизи бераҳмона ё ноодилона набуд. Аниқтараш, онҳо зуҳуроти покӣ ва адолати Ӯ буданд.

**2,17** *Шогирдони Ӯ* инро дида, суханони дар Забур 68,10 навишташударо ба ёд оварданд. Он ҷо пешгӯӣ карда мешуд, ки ҳангоме Масеҳ меояд, *рашки хонаи* Худо Ӯро *мехӯрад*. Ва чун онҳо Исоро диданд, ки талаб мекард, то парастиши Худо бо ҳеҷ чиз нопок карда нашавад, онҳо фаҳмиданд, ки дар назди онҳо Онест, ки нависандаи Забур дар бораи Ӯ навиштааст.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки бадани шахси масеҳӣ ибодатгоҳи Рӯҳулқудс аст. Айнан ҳамон тавре ки Худованд Исо барои он ғамхорӣ мекард, ки ибодатгоҳи Уршалим дар покӣ нигоҳ дошта шавад, мо низ ҳамин тавр бояд бадани худро дар покӣ нигоҳ дорем ва ба Худованд имкон диҳем, ки доимо онро пок кунад.

## Д. Исо марг ва растохези Худро пешгӯӣ мекунад (2,18-22)

**2,18** Тасаввуроте ҳосил мешавад, ки яҳудиён ҳамеша аломатҳое ва ё муъҷизаҳоеро меҷустанд. Онҳо амалан мегуфтанд: «Агар Ту дар назди мо ягон чизи хеле аҳамиятнок ва пуриқтидорро ба амал оварӣ, он гоҳ мо бовар мекунем». Худованд Исо муъҷизаҳоро пайиҳам ба амал меовард, аммо бо вуҷуди он дилҳои онҳо барои Ӯ маҳкам буданд. Дар ояти 18 онҳо шубҳа намуданд, ки Ӯ қудрату ҳуқуқи аз парастишгоҳ рондани савдогаронро дошта бошад. Онҳо талаб мекарданд, то Ӯ чунин аломат нишон диҳад, ки Масеҳ будани Ӯро исбот мекарда бошад.

**2,19** Дар ҷавоб ба даъвоҳои онҳо Худованд Исо суханҳои ҳайратовареро оид ба марг ва растохези худ гуфт. Ӯ ба онҳо гуфт, ки онҳо метавонанд *ибодатгоҳи* Ӯро вайрон кунанд ва Ӯ *дар се рӯз* онро барпо мекунад. Дар ин оят боз ҳам илоҳияти Масеҳ зикр шудааст. Фақат Худо гуфта метавонист: *«Ман онро дар се рӯз барпо мекунам»*.

**2,20** *Яҳудиён* Ӯро нафаҳмиданд. Онҳо аз ҳақиқати рӯҳонӣ дида бештар ба чизҳои моддӣ аҳамият медоданд. Ягона парастишгоҳе ки онҳо оид ба он фикр карда метавонистанд, парастишгоҳи Ҳиродус дар Уршалим буд. *Ин ибодатхонаро дар чилу шаш сол сохтаанд,* ва онҳо тасаввур карда наметавонистанд, ки одам чӣ тавр онро *дар се рӯз* барқарор карда метавонад.

**2,21** Аммо Худованд Исо ин ҷо *дар бораи Бадани Худ сухан мегуфт,* ки *ибодатхона* буд ва дар он тамоми пуррагии Вахдати Сегона сокин буд. Чунон ки яҳудиён парастишгоҳи Уршалимро нопок карданд, ҳамон тавр онҳо баъди якчанд сол Ӯро ба марг маҳкум карданд.

**2,22** Дертар, ҳангоме ки Худованд Исо кушта шуд ва *аз мурдагон бархест, шогирдонаш* ваъдаи Ӯро *ба хотир оварданд,* ки баъди се рӯз зинда мешавад. Чунин иҷрошавии муъҷизаноки пешгӯиро дида, онҳо *ба Китоб ва ба сухане ки Исо гуфта буд, имон оварданд.*

Мо бисёр вақт бо ҳақиқатҳое дучор мешавем, ки фаҳмиданашон душвор аст. Аммо маҳз ҳамон вақт мо дарк мекунем, ки бояд Каломи Худоро дар дил нигоҳ дорем. Ҳатто агар мо ҳозир онро нафаҳмем ҳам, ягон вақт Худованд ба мо ҷавоби аниқ медиҳад. Ин ҷо гуфта мешавад, ки онҳо *ба Китоб имон оварданд.* Ин чунин маъно дорад, ки онҳо ба пешгӯиҳои Аҳди Қадим оид ба растохези Масеҳ бовар карданд.

## Е. Бисёриҳо эътироф мекунанд, ки ба Масеҳ бовар кардаанд (2,23-25)

**2,23** Дар натиҷаи муъҷизаҳое ки Исо дар *Уршалим* дар рӯзи *Песаҳи* яҳудиён ба амал овард, *бисёр касон ба номи Ӯ имон оварданд.* Ин ҳатман маънои онро надорад, ки онҳо ҳақиқатан ҳаёти худро ба Ӯ боварӣ карда супурданд; онҳо фақат эътироф карданд, ки Ӯро қабул кардаанд. Онҳо қарори худро бо ҳеҷ амале тасдиқ намекарданд; ва танҳо зоҳиран, дар сухан, аз пайи Исо рафтанд. Ба монанди ҳамин бисёр касоне ки дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, изҳор мекунанд, ки масеҳӣ ҳастанд, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ бо имон ба Худованд Исои Масеҳ аз олами боло таваллуд нашуда буданд.

**2,24** Агарчи бисёриҳо ба Ӯ имон оваданд, Худи *Исо* ба онҳо бовар намекард (ба забони юнонӣ ҳамон як калима истифода мешавад). Яъне Ӯ *ба онҳо эътимод накард.* Ӯ мефаҳмид, ки онҳо ба назди Ӯ аз ҳисси кунҷковӣ омадаанд. Онҳо ягон чизи ҳангомадор ва мафтункунандаро меҷустанд. Ӯ *ҳамаи* одамонро – фикрҳо ва майлҳои онҳоро медонист. Ӯ медонист, ки чаро онҳо маҳз ҳамин тавр рафтор мекарданд, на ба таври дигар. Ӯ медонист, ки оё имони онҳо ҳақиқӣ буд, ё фақат таҷлид.

**2,25** Ҳеҷ кас моҳияти одамро беҳтар аз Худованд намедонист. Ӯ дар ин хусус ба насиҳат ё огоҳии касе *эҳтиёҷ надошт.* Ӯ оид ба *инсон* дониши пурра дошт ва медид, ки чаро инсон маҳз ҳамин гуна рафтор мекунад.

## Ё. Исо ба Никӯдимус оид ба зодашавӣ аз олами боло нақл мекунад (3,1-21)

**3,1** Ҳикояти Никӯдимус тазоди сахтест бо он чи ҳозиракак ба амал омад. Бисёр яҳудиён дар Уршалим изҳор менамуданд, ки ба Худованд бовар кардаанд, аммо Ӯ медонист, ки имони онҳо ҳақиқӣ набуд. Никӯдимус истисно буд. Худованд дар вай хоҳиши ҷиддии дарки ҳақиқатро ошкор намуд. Ин оятро иқтибос овардан лозим аст:[7] *«Дар байни фарисиён*

*шахсе ки Никӯдимус ном дошт, аз сардорони яҳудиён буд».*

Бо Никӯдимус чун бо муаллим муносибат мекарданд. Эҳтимол, вай барои он назди Худованд омад, ки дониш ба даст оварад, ва баъди бозгаштан онро ба яҳудиён расонад.

**3,2** Дар Навиштаи Муқаддас гуфта нашудааст, ки чаро Никӯдимус *шабона назди Исо омад*. Маънидоди возеҳтарин ин аст: вай аз он хавф дошт ки касе назди Исо рафтани вайро мебинад, чунки аксари яҳудиён Худовандро қатъиян қабул намекарданд. Аммо вай ба назди Исо омад. Никӯдимус тасдиқ намуд, ки Худованд ҳақиқатан *Устодест,* ки аз ҷониби *Худо* омадааст, зеро ҳеҷ кас чунин муъҷизаҳоро ба амал оварда наметавонист, агар Худо бо вай набошад. Ба донишҳои андӯхтааш нигоҳ накарда, Никӯдимус Худовандро чун Худое ки дар ҷисм омадааст, қабул накард. Вай ба онҳое монанд аст, ки имрӯзҳо Исоро чун одами бузург, муаллими хеле хуб, шахсияти барҷаста эътироф мекунанд. Ҳамаи ин изҳорот аз ҳақиқати пурра дур мебошанд. Исо Худо буд ва ҳаст.

**3,3** Дар назари аввал чунин менамояд, ки ҷавоби Исо бо он чи ҳозир Никӯдимус гуфт, алоқаманд нест. Худованди мо ба вай чунин ҷавоб дод: «Никӯдимус, ту назди Ман барои омӯхтани чизе омадӣ, аммо он чи ту ҳақиқатан ба он эҳтиёҷ дорӣ, таваллуд аз олами болост. Ин ҳамон чизест, ки бояд аз он сар кунӣ. Касе ки аз олами боло таваллуд нашавад, *Подшоҳии Худоро дида наметавонад».*

Худованд пеш аз ин суханони хуб чунин гуфт: *«Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям ...»* (таҳтуллафзан: «Омин, омин»).

Чун яҳудиёни дигар, Никӯдимус Масеҳеро интизор буд, ки омада, Исроилро аз тобеияти Рум озод мекунад. Дар он замон Рум бар ҷаҳон ҳукмрон буд, ва яҳудиён ба қонунҳо ва ҳукумати он тобеъ буданд. Никӯдимус он соатеро интизор буд, ки Масеҳ дар рӯи замин Подшоҳии Худро барпо мекунад, ва яҳудиён дар байни халқҳои дигар аввалин мешаванд ва ҳамаи душманони онҳо нобуд карда мешаванд. Ин ҷо бошад Худованд ба вай мегӯяд: барои ба ин Подшоҳӣ даромадан одам бояд *аз олами боло таваллуд ёбад.* Айнан ҳамон тавре ки таваллуди аввал барои ҳаёти ҷисмонӣ даркор аст, таваллуди дуюм барои ҳаёти илоҳӣ даркор аст. (Ибораи *«аз олами боло таваллудёфта»* ҳамчунин маънои «аз нав таваллудшуда»-ро дошта метавонад.) Дигар хел карда гӯем, ба Подшоҳии Масеҳ фақат онҳое даромада метавонанд, ки ҳаёташон дигаргун шудааст. Ҳукмронии Ӯ одилона хоҳад буд, бинобар ин тобеони Ӯ низ бояд одил бошанд. Ӯ наметавонад бар одамоне ҳукмронӣ кунад, ки гуноҳ карданро давом медиҳанд.

**3,4** Ва боз мо мебинем, ки фаҳмидани суханони Худованд Исо барои одамон чӣ гуна душвор буд. *Никӯдимус* ҳама чизро таҳтуллафзан қабул мекард. Вай фаҳмида наметавонист, ки чӣ тавр одами калон аз нав *таваллуд шуда* метавонад. Вай ҳайрон буд, зеро медонист, ки дар ҷаҳони ҷисмонӣ ин раванд ғайриимкон аст: наход одам бори дигар *ба шиками модар баргашта, таваллуд шавад?*

Никӯдимус намунаи он аст, ки «одами нафсонӣ он чиро ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари вай нодонӣ аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад» (1Қур. 2,14).

**3,5** Фаҳмонданро давом дода, Исо ба Никӯдимус хабар дод, ки вай бояд аз *об ва Рӯҳ* таваллуд шавад. Вагарна вай ҳеҷ гоҳ *ба Подшоҳии Худо даромада наметавонад.*

Исо чиро дар назар дошт? Бисёриҳо ба маънои таҳтуллафзии калимаи «об» исрор мекунанд ва чунин меҳисобанд, ки Худованд Исо оид ба зарурати таъмид чун шарти наҷот гуфтааст. Аммо чунин таълим ба қисми боқимондаи Навиштаи Муқаддас мухолифат дорад. Дар Каломи Худо мехонем, ки наҷотро фақат бо имон ба Худованд Исои Масеҳ ноил шудан мумкин аст. Бояд онҳое таъмид ёбанд, ки аллакай наҷот ёфтаанд; он воситаи наҷот нест.

Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки *об* дар ин оят ба Каломи Худо дахл дорад. Дар Эфесусиён 5,25.26 об бо Каломи Худо зич алоқаманд аст. Мувофиқи 1Петрус 1,23 ва Яъқуб 1,18 таваллуд аз олами боло ба воситаи Каломи Худо ба амал меояд. Пурра имконпазир аст, ки об дар ин оят ҳақиқатан рамзи Навиштаи Муқаддас аст. Мо медонем, ки бе Навиштаи Муқаддас ҳеҷ гуна наҷот буда наметавонад, зеро танҳо дар Каломи Худо он хабаре ҳаст, ки гуноҳкор пеш аз он ки аз олами боло зода шавад, бояд қабул кунад.

Аммо *об* метавонад ба Рӯҳулқудс низ дахл дошта бошад. Дар Юҳанно 7, 38.39 Худованд

Исо оид ба наҳрҳои оби зинда мегӯяд, ва комилан равшан аст, ки он ҷо таҳти калимаи «об» Ӯ Рӯҳулқудсро дар назар дорад. Агар об дар боби 7 рамзи Рӯҳ бошад, чаро он наметавонад дар боби 3 ҳамон маъноро дошта бошад?

Аммо агар ин маънидодро қабул кунем, пас, эҳтимол, чунин душворӣ ба миён меояд. Исо мегӯяд: *«Кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Подшоҳии Худо даромада наметавонад»*. Агар *об* ин ҷо *Рӯҳро* ифода кунад, пас Рӯҳ дар ин оят ду бор зикр мешавад. Аммо калимаеро, ки чун *«ва»* тарҷума шудааст, чун «ҳамон» тарҷума кардан беҳтар мебуд. Дар ин ҳол оят чунин хонда мешуд: «Кас агар аз об, ки ҳамон Рӯҳ аст, таваллуд наёбад, ба Подшоҳии Худо даромада наметавонад». Мо тахмин мекунем, ки маънои дурусти оят ҳамин аст. Таваллуди ҷисмонӣ кофӣ нест.[8] Барои ба *Подшоҳии Худо даромадан* бояд таваллуди рӯҳонӣ низ ба амал ояд. Ин таваллуди рӯҳониро Рӯҳулқудси Худо ба амал меоварад, ҳангоме ки одам ба Худованд Исои Масеҳ бовар мекунад. Ин маънидод бо он далеле тасдиқ мешавад, ки ибораи «аз Рӯҳ таваллудшуда» дар оятҳои баъдина ду бор вомехӯрад (о. 6.8).

**3,6** Ҳатто агар Никӯдимус бо ягон тариқ ба шиками модари худ даромада, бори дигар таваллуд шуда метавонист, ин табиати гуноҳолуди вайро дигаргун намекард. *«Он чи аз ҷисм таваллуд меёбад, ҷисм аст»* маънои онро дорад, ки кӯдакони аз волидони заминӣ таваллудшуда дар гуноҳанд, онҳо ислоҳнашавандаанд ва худро наҷот дода наметавонанд. Аз тарафи дигар, *он чи аз Рӯҳ таваллуд меёбад, рӯҳ аст.* Таваллуди рӯҳонӣ он вақт ба амал меояд, ки одам худро бо имон ба Худованд месупорад. Ҳангоме ки одам бо қувваи Рӯҳ аз олами боло таваллуд мешавад, вай моҳияти нав пайдо мекунад ва ба Подшоҳии Худо даромада метавонад.

**3,7** Никӯдимус набояд аз таълимоти Худованд Исо *ҳайрон мешуд.* Вай бояд мефаҳмид, ки *таваллуд аз олами боло* зарур аст ва одам тамоман вазъияти фалокатбори худро дигар карда наметавонад. Вай бояд фаҳмад: барои ба Подшоҳии Худо даромадан одам бояд муқаддас, пок ва рӯҳонӣ бошад.

**3,8** Ҳақиқати рӯҳониро бо мисол нишон доданӣ шуда, Худованд Исо аз табиат мисолҳо меовард. Ин ҷо низ Ӯ ҳамин воситаро ба кор бурд. Ӯ ба Никӯдимус ёдрас намуд, ки *бод ҳар ҷо ки хоҳад мевазад, ва ту овози онро мешунавӣ, лекин намедонӣ ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад.* Таваллуд аз олами боло ба ҳамин бод хеле монанд аст. Аввалан, он мувофиқи хости Худо ба амал меояд. Одам ба ин кор тавон надорад. Сониян, таваллуди нав намоён нест. Шумо дида наметавонед, ки он чӣ гуна ба амал меояд, аммо натиҷаҳои онро дар ҳаёти одам дида метавонед. Ҳангоме ки одам наҷот меёбад, дар вай дигаргуниҳои куллӣ рӯй медиҳанд. Он бадие ки вай пештар дӯст медошт, акнун барояш манфур аст. Ҳама чизи илоҳӣ, ки вай пештар аз он нафрат дошт, акнун ягона чизи дӯстдоштаи вай хоҳад буд. Ҳеҷ кас бодро пурра фаҳмида наметавонад; ҳамчунин ғайриимкон аст фаҳмидани таваллуди нав – ин кори ҳайратовари Рӯҳулқудс, ки инсон Ӯро пурра фаҳмида наметавонад. Ба ғайр аз ин, таваллуди нав аз ҷиҳати пешгӯинашаванда будан ба бод монанд аст. Муқаррар кардан ғайриимкон аст, ки кай ва дар куҷо он ба амал меояд.

**3,9** Ва боз *Никӯдимус* нишон дод, ки ақли одамии вай чизҳои илоҳиро фаҳмида наметавонад. Бешубҳа, вай ҳанӯз ҳам таваллуди навро чун падидаи табиӣ ё ҷисмонӣ гумон мекард, на рӯҳонӣ. Ва вай аз Худованд Исо пурсид: *«Чӣ тавр метавонад чунин шавад?»*

**3,10** Исо *ҷавоб* дод, ки чун *устоди Исроил,* Никӯдимус бояд инро фаҳмад. Навиштаҳои Аҳди Қадим равшан таълим медиҳанд: ҳангоме ки Масеҳ ба замин баргашта, Подшоҳии Худро барпо мекунад, Ӯ аввал душманони Худро доварӣ карда, ҳамаи зиддиятҳоро дур менамояд. Танҳо онҳое ки тавба кардаанд, ба Подшоҳӣ хоҳанд даромад.

**3,11** Сипас Худованд Исо бехатоии таълимоти Худ ва нобоварии якравонаи одамонро нисбат ба он таъкид намуд. Азбаски Ӯ ҷовидона вуҷуд дошт, Ӯ ҳаққонияти таълимоти Худро медонист ва танҳо оид ба *он чи медонад ва он чи дидааст,* сухан меронд. Аммо Никӯдимус ва аксарияти яҳудиён ба шаҳодати Ӯ бовар кардан нахостанд.

**3,12** Ин чӣ чизҳои *заминӣ* аст, ки Худованд дар ин оят ба он ишора мекунад? Ин ҷо Ӯ оид ба Подшоҳии заминии Худ мегӯяд. Никӯдимус аз Аҳди Қадим медонист, ки як замоне Масеҳ меояд ва дар рӯи замин Подшоҳии Худро барпо мекунад, ки пойтахти он Уршалим хоҳад буд. Никӯдимус фаҳмида натавонист, ки ба ин Подшоҳӣ фақат аз олами боло

таваллуд шуда даромадан мумкин аст. Ин кадом чизҳои *осмонӣ* аст, ки Худованд сипас оид ба он гап мезанад? Ин ҳақиқатҳое мебошанд, ки дар оятҳои зерин фаҳмонда мешаванд, – воситаи хеле хубе ки ба одам имкони аз олами боло таваллуд шуданро медиҳад.

**3,13** Худованд Исо ягона Одаме буд, ки ҳақ дошт оид ба чизҳои осмонӣ гап занад, зеро танҳо Ӯ *дар осмон* буд. Ӯ на фақат Устоде буд, ки Ӯро Худо фиристод, Ӯ Оне буд, ки аз азал бо Худо Падар мезист ва ба ҷаҳон *фуруд омад*. *Ҳеҷ кас ба осмон боло нарафтааст* гуфта, Ӯ онро дар назар дошт, ки муқаддасони Аҳди Қадим, ба монанди Ҳанӯх ва Илёс, худашон ба осмон боло нашудаанд, балки ба осмон гирифта шудаанд, дар ҳоле ки Ӯ бо қувваи Худ *ба осмон боло рафт*. Маънидоди дигар чунин аст: ғайр аз Ӯ ҳеҷ одаме ҳуқуқи доимии ба ҳузури Худо даромадан надошт. Ӯ ба маҳалли сукунати Худо бо роҳи махсус боло рафта метавонист, зеро аз осмон ба ин замин фуруд омадааст. Худованд Исо, дар рӯи замин буда ва бо Никӯдимус сӯҳбат карда, гуфт, ки Ӯ *дар осмон аст*. Ин чӣ гуна буда метавонист? Тахмине ҳаст, ки чун Худо, Худованд дар як вақт дар ҳама ҷо буд. Мо маҳз ҳаминро дар назар дорем, ҳангоме мегӯем, ки Ӯ ломакон аст. Агарчи баъзе тафсирҳои ҳозиразамон *«дар осмон аст»-ро* мепартоянд, ин калимаҳо дар дастнависҳо борҳо тасдиқ мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи матн мебошанд.

**3,14** Акнун Худованд Исо тайёр аст ҳақиқати осмониро ба Никӯдимус ошкор намояд. Таваллуд аз олами боло чӣ гуна воқеъ шуда метавонад? Музди гуноҳҳои одам бояд пардохта шавад. Одамон бо бори гуноҳҳои худ ба осмон рафта наметавонанд. Ва *чунон ки* ҳангоме тамоми халқи Исроилро морҳо мегазиданд, *Мусо мори* мисинро *дар биёбон боло бардошт, Писари Одам низ бояд ончунон боло бурда шавад* (Ад. 21,4-9-ро хонед). Авлодони Исроил дар ҷустуҷӯи замини ваъдашуда дар биёбон саргардон буданд ва тадриҷан беҷуръат ва бесабр шуданд. Онҳо аз Парвардигор шиква карданро сар карданд. Ҳамчун ҷазо Парвардигор ба онҳо морҳои заҳрдорро фиристод, ва мардуми бисёре мурданд. Ҳангоме ки боқимондагон тавба карданд ва сӯи Парвардигор фарёд намуданд, Ӯ ба Мусо фармуд, ки мори мисине созад ва онро ба нӯги ходае бардорад. Ва шахси моргазида ба он нигоҳ карда ба таври муъҷизаосо шифо ёфта, зинда мемонад.

Исо ба ин воқеаи Аҳди Қадим ишора намуд, то таваллуд аз олами болоро бо мисол фаҳмонад. Мардон ва занонро морҳои заҳрдори гуноҳ газида, ба марги ҷовидонӣ маҳкум менамуданд. Мори мисин тимсоли Худованд Исо буд. Мис дар Навиштаи Муқаддас рамзи доварӣ аст. Худованд Исо бегуноҳ буд ва ҳеҷ гоҳ ба ҷазо гирифтор намешуд, аммо Ӯ ҷои моро ишғол кард ва ба марге ки мо сазовори он будем, маҳкум карда шуд. Хода тимсоли салиби Ҷолҷолто мебошад, ки Худованд Исо дар он овезон буд. Агар мо бо имон ба Ӯ нигоҳ кунем, наҷот меёбем.

**3,15** Наҷотдиҳандаи мутлақо бегуноҳ гуноҳҳои моро ба худ гирифт, то ки мо тавонем адолати илоҳиро ба даст оварем. *То ҳар кӣ ба* Худованд Исои Масеҳ *имон оварад, ҳаёти ҷовидониро* ройгон ба даст оварад.

**3,16** Ин, бешубҳа, яке аз оятҳои машҳуртарини Навиштаи Муқаддас аст, чунки дар он тамоми моҳияти Инҷил равшан ва сода баён шудааст. Он хулосакунандаи он чизест, ки Худованд Исо ба Никӯдимус оид ба чӣ гуна ба даст овардани таваллуди нав таълим дода буд. *Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт ... Ҷаҳон* ин ҷо тамоми инсониятро ифода мекунад. Худо гуноҳҳои одам ё низоми вайрони ҷаҳониро дӯст намедорад, аммо одамонро дӯст медорад ва намехоҳад, ки касе ҳалок шавад.

Беҳудудии муҳаббати Ӯ бо он исбот шудааст, ки Ӯ *Писари ягонаи Худро дод*. Худо Писари дигаре монанди Исо надорад. Муҳаббати беандозаи Ӯ дар он зоҳир шуд, ки Ӯ *Писари* ягонаи *Худро* барои гуноҳкорони исёнгар дод. Ин тамоман маънои онро надорад, ки ҳар кас наҷот хоҳад ёфт. Пеш аз он ки Худо ба одам ҳаёти абадӣ диҳад, вай бояд он чизеро ки Масеҳ барояш кардааст, қабул кунад. Барои ҳамин ҳам ин ҷо чунин суханон илова карда шудаанд: «*... то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад*». Ҳеҷ зарурате барои ҳалок шудан нест. Барои ба даст овардани наҷот воситае ҳаст, аммо барои ин бояд одам тасдиқ кунад, ки Худованд Исои Масеҳ Наҷотдиҳандаи шахсии ӯст. Ҳангоме ки Ӯ ин корро мекунад, *ҳаёти ҷовидонӣ* ба даст меоварад. Борҳем менависад:

*Вақте калисо он муҳаббатеро мефаҳмад, ки Худо ҷаҳонро бо он дӯст дошт, он дигар бе амал истода наметавонад ва то он даме ором намешавад, ки ҳамаи империяҳои калон фатҳ карда шаванд, то он даме ки ҳар як ҷазирачаи марҷонӣ тобеъ карда шавад.*[9]

**3,17** Худо ҳокими тундхӯ ва бераҳме нест, ки ғазаби Худро бар одамият фурӯ мерехта бошад. Дили Ӯ пур аз меҳрубонӣ ба одам аст; барои наҷот додани одамон Ӯ чораи қатъӣ андешид. Ӯ *Писари Худро ба ҷаҳон барои он фиристода* метавонист, *ки бар ҷаҳон доварӣ кунад*, аммо Ӯ ин корро накард. Баръакс, Ӯ Писарашро ба ин ҷо барои уқубатҳо, хун ва марг фиристод, *барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот ёбад*. Кори Худованд Исо бар салиб чунон аҳамияти калоне дошт, ки дар натиҷа ҳамаи гуноҳкорон дар ҳама ҷо метавонанд наҷот ёбанд, агар Ӯро қабул кунанд.

**3,18** Акнун ҳамаи инсоният ба ду синф ҷудо карда шудааст: имондорон ва беимонон. Тақдири абадии мо ба он вобаста аст, ки мо нисбати Писари Худо кадом мавқеъро ишғол мекунем. Касе ки ба Наҷотдиҳанда имон дорад, *маҳкум намешавад,* ва ҳар кӣ ба Ӯ имон надорад, *аллакай маҳкум шудааст.* Худованд Исо кори наҷотро ба анҷом расонд, ва акнун ҳар кадоми мо бояд қарор диҳем, ки Ӯро қабул кунем ё рад намоем. Рад кардани чунин тӯҳфаи муҳаббат даҳшатовар аст. Агар одам ба Худованд Исо бовар накунад, Худо маҷбур мешавад, ки вайро маҳкум кунад.

Имон доштан ба *номи* Ӯ – бо имон доштан ба Ӯ як аст. Дар Навиштаи Муқаддас ном одамро муаррифӣ мекунад. Агар шумо ба *номи* Ӯ имон оваред, шумо ба Ӯ имон доред.

**3,19** Исо нурест, ки *ба ҷаҳон омад.* Ӯ Барраи бегуноҳ ва беайби Худост. Ӯ барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон мурд. Аммо оё одамон Ӯро барои ин дӯст медоранд? Не, онҳо Ӯро инкор мекунанд. Онҳо гуноҳ карданро афзал медонанд. Онҳо Исоро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кардан намехоҳанд ва ҳамин тариқ, Ӯро рад мекунанд. Ба монанди ҳашароте ки аз нури ба онҳо равонашуда дур гурехтанӣ мешаванд, одамони бадкирдор аз ҳузури Масеҳ мегурезанд.

**3,20** Дӯстдорони гуноҳ *нурро* дӯст намедоранд, зеро дар нур тамоми гуноҳолудии онҳо аён аст. Ҳангоме ки Исо дар рӯи замин буд, гуноҳкорон дар ҳузури Ӯ худро нороҳат ҳис мекарданд, зеро Ӯ бо покии Худ ҳолати даҳшатовари онҳоро фош менамуд. Роҳи беҳтарини нишон додани каҷ будани чӯб дар назди он гузоштани чӯби рост аст. Ба ҷаҳон чун Одами комил ворид шуда, Худованд Исо ба воситаи чунин муқоиса вайронии ҳамаи одамони дигарро нишон дод.

**3,21** Агар одам ҳақиқатан назди Худо софдил бошад, вай сӯи нур, яъне сӯи Исои Масеҳ меравад, ва тамоман ночиз ва гуноҳкор будани худро мефаҳмад. Сипас вай ба Наҷотдиҳанда боварӣ мекунад, ва ҳамин тариқ, аз рӯи имон ба Масеҳ аз олами боло таваллуд мешавад.

### Ж. Хизмати Яҳёи Таъмиддиҳанда дар Яҳудо (3,22-36)

**3,22** Қисми аввали ин боб шаҳодати Худованд Исои Масеҳро дар Уршалим тасвир мекунад. Аз ин оят сар карда, то охири боб Юҳанно хизматгузории Масеҳро дар *Яҳудо* тасвир мекунад, ки Ӯ он ҷо Хушхабарро оид ба наҷот эълон мекард. Одамон ба назди Нур меомаданд ва *таъмид* мегирифтанд. Аз ин оят маълум аст, ки Худи Исо таъмид медод, аммо дар Юҳанно 4,2 мо мефаҳмем, ки шогирдони Ӯ низ таъмид медоданд.

**3,23** *Яҳё,* ки дар ин оят зикр мешавад, Яҳёи Таъмиддиҳанда аст. Вай дар замини Яҳудо даъватро ба тавба кардан давом медод ва яҳудиёнеро, ки пеш аз омадани Масеҳ тавба кардани буданд, таъмид медод. *Яҳё низ дар Энӯн, ки дар наздикии Шалим аст, таъмид медод, чунки дар он ҷо об бисёр буд.* Ин исботи ниҳоии он нест, ки вай бо роҳи пурра ғӯтондан таъмид медод, аммо барои чунин хулоса баровардан имкон медиҳад. Агар вай бо пошидан ё рехтан таъмид медод, зарурате ба *оби бисёр* намебуд.

**3,24** Ин оят бори дигар суботи хизматгузории Яҳёро ва амали ҷавобии яҳудиёни худотарсро ба даъвати вай тасдиқ мекунад. Дарояндаи наздик *Яҳё* ба *зиндон* андохта шуда, барои шаҳодати содиқонааш сар зада мешавад. Аммо дар ин вақт вай ҳанӯз вазифаи худро бо ҷидду ҷаҳд иҷро мекард.

**3,25** Аз ин оят аён мегардад, ки *байни* баъзе *шогирдони Яҳё ва як яҳудӣ* дар масъалаи покшавӣ *баҳс шуд.* Ин чӣ маъно дорад?

*Покшавӣ* гуфта ин ҷо, аз афташ, таъмид дар назар дошта шудааст. Баҳс аз боиси он ба амал омад, ки таъмиди кӣ беҳтар аст – аз они Яҳё ё Масеҳ. Таъмиди кӣ қувваи бештаре дорад? Таъмиди кӣ аҳамиятноктар аст? Шояд, баъзе *шогирдони Яҳё* бехирадона изҳор намуданд, ки таъмиддиҳанда ҳар қадар беҳтар бошад, таъмид ҳамон қадар беҳтар аст. Шояд, фарисиён хостанд дар шогирдони Яҳё рашкро нисбати Масеҳ ва шуҳрати Ӯ бедор намоянд.

**3,26** Онҳо барои ҳалли мунозира *назди Яҳё омаданд.* Шояд, онҳо ба вай чунин гуфтанд: «Агар таъмиди ту беҳтар бошад, чаро ин қадар одамони зиёд туро тарк карда, назди Исо меравbooнд?» (Суханони *«Он Касе ки дар он тарафи Урдун бо ту буд»* ба Масеҳ дахл доранд). Яҳё оид ба Худованд Исо шаҳодат дод, ва баъди шаҳодати вай бисёр шогирдонаш вайро тарк карда, аз пайи Исо рафтанд.

**3,27** Агар ҷавоби Яҳё Худованд Исои Масеҳро дар назар дошта бошад, пас ин чунин маъно дорад, ки муваффақияте ки бо Наҷотдиҳанда буд, далели таҳсини корҳои Ӯ аз ҷониби Худост. Агар Яҳё оид ба худ гуфта бошад, пас вай онро дар назар дошт, ки ҳеҷ гоҳ толиби бузургӣ ё мартабаи эътиборнок набуд. Вай ҳеҷ гоҳ нагуфта буд, ки таъмиди вай аз таъмиди Исо баландтар аст. Вай фақат гуфт, ки ғайр аз он чи *аз осмон* дода шудааст, чизи дигаре надорад. Ин барои ҳамаи мо ҳақиқат аст, ва ҳеҷ сабабе дар ҷаҳон нест, то ба мо асосе диҳад, ки мағрур шавем ё дар назди мардум худро баландмақом шуморем.

**3,28** Яҳё боз ба шогирдонаш ёдрас кард, ки вай *Масеҳ нест,* балки пеш аз Ӯ *фиристода* шудааст, то ки барои Масеҳ роҳро тайёр кунад. Чаро дар атрофи вай бояд шӯру ғавғо бошад? Чаро бояд фирқаи наве барпо карда шавад? Вай бузург набуд – вай фақат ба одамон оид ба Худованд Исо шаҳодат медод.

**3,29** Худованд Исои Масеҳ *домод* буд. Яҳёи Таъмиддиҳанда фақат *дӯсти домод,* шоҳид, буд. *Арӯс* на ба дӯсти домод, балки ба худи *домод* тааллуқ дорад. Комилан табиист, ки одамон на аз пайи Яҳё, балки аз пайи Исо мераванд. *Арӯс* ин ҷо ҳамаи онҳоеро ифода мекунад, ки шогирдони Худованд Исо мешаванд. Дар Аҳди Қадим оид ба Исроил чун оид ба зани Яҳува гуфта мешуд. Дертар, дар Аҳди Нав, аъзоёни калисои Масеҳ чун Арӯс тасвир карда мешаванд. Аммо ин ҷо, дар Инҷили Юҳанно, ин калима ба маънои умумӣ истифода шудааст ва онҳоеро ифода мекунад, ки Яҳёи Таъмиддиҳандаро тарк карда, аз пайи Масеҳ рафтанд. Он на Исроилро ифода мекунад, на калисоро. Яҳё аз он намеранҷид, ки пайравонашро аз даст медиҳад. Шунидани *овози домод* барои вай хурсандиовар буд. Вай аз он хурсанд мешуд, ки тамоми диққат ба Исо равона карда шудааст. Ин *шодии* вай *комил* шуд, ҳангоме ки одамон Масеҳро ҳамду сано мегуфтанд ва иззат менамуданд.

**3,30** Дар ин оят тамоми мақсади хизмати Яҳё хулоса карда шудааст. Вай бо ҷидду ҷаҳд меҳнат карда, ба мардону занон сӯи Худованд ишора мекард ва аҳамияти ҳақиқии Ӯро ошкор менамуд. Инро ба ҷо оварда, Яҳё мефаҳмид, ки бояд худро дар мадди охир нигоҳ дорад. Диққатро ба худ ҷалб намудани хизматгори Масеҳ ҳақиқатан паймоншиканона мебуд.

Ба се калимаи *«бояд»* дар ин боб, ки ба гуноҳкор (3,7), ба Наҷотдиҳанда (3,14) ва шоҳид (3,30) дахл доранд, диққат диҳед.

**3,31** Исо – *Он ки аз боло меояд, бартар аз ҳама аст.* Ин суханон оид ба асли осмонӣ ва авлавияти Ӯ шаҳодат медиҳанд. Барои исбот кардани мавқеи тобеонаи худ Яҳёи Таъмиддиҳанда оид ба худ гуфт: *он ки аз замин аст, заминӣ аст ва чун заминӣ сухан мегӯяд.* Ин чунин маъно дорад, ки вай аз одам (волидони заминӣ) таваллуд шудааст. Вай мартабаи осмонӣ надошт ва бо он ҳукуматдорони олӣ, ки Писари Худо бо онҳо муоширaт мекард, муоширaт карда наметавонист. Вай аз Худованд Исо мартабаи пасттар дошт, зеро *Он ки аз осмон меояд, бартар аз ҳама аст.* Масеҳ Тавонои Мутлақи олам аст. Бинобар ин комилан дуруст аст, ки одамон на аз пайи саромади Ӯ, балки аз пайи Ӯ мераванд.

**3,32** Худованд Исо ҳамеша чун Одами соҳибқудрат сухан меронд. Ӯ ба одамон *он чиро,* ки *дидааст ва шунидааст,* хабар медод. Хатое ё фиребе имконнопазир буд. Ва ба ҳар ҳол ҳайратовар аст, ки *ҳеҷ кас шаҳодати Ӯро қабул намекунад.* Ифодаи «Ҳеҷ кас» набояд ба маънои аслӣ қабул карда шавад. Онҳое буданд, ки суханони Худованд Исоро қабул мекарданд. Аммо Яҳё тамоми инсониятро дар назар дошт ва фақат ҳақиқатеро баён мекард, ки қисми зиёди аҳолӣ таълимоти Наҷотдиҳандаро рад мекард. Исо Он Касе буд, ки аз

осмон фаромад, аммо кам касон Ӯро шунидан мехостанд.

**3,33** Ояти 33 он миқдори ками одамонеро тасвир мекунад, ки суханони Худовандро чун суханони Худи Худо қабул мекарданд. Ва онҳое ки *шаҳодати Ӯро қабул кардаанд, тасдиқ* кардаанд, *ки Худо ҳақ аст*. Имрӯзҳо низ ҳамин тавр аст. Одамоне ки хабари Инҷилро қабул мекунанд, ба ҷониби Худо меистанд – зидди худ ва зидди қисми боқимондаи инсоният. Онҳо мефаҳманд, ки ҳар он чи Худо гуфтааст, *ҳақ аст*. Аҳамият диҳед, ки ояти 33 оид ба илоҳияти Масеҳ чӣ гуна равшан таълим медиҳад. Дар он гуфта мешавад: касе ки ба *шаҳодати* Масеҳ бовар мекунад, эътироф мекунад, ки *Худо ҳақ аст*. Дигар хел карда гӯем, шаҳодати Масеҳ шаҳодати Худост, ва қабул кардани аввалӣ маънои қабул кардани дуюмиро дорад.

**3,34** Исо Он Касе буд, ки *Худо фиристод. Ӯ суханони Худоро* мегуфт. Барои тасдиқи ин изҳорот Яҳё илова мекунад: *«... зеро Худо Рӯҳро ба андоза намедиҳад»*. Масеҳ аз ҷониби Рӯҳи Худо на ба монанди одамони дигар тадҳин шуда буд. Дигарон ёрии Рӯҳулқудсро дар хизматгузории худ дарк мекарданд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо хизматгузориро бо он қуввате ба ҷо намеовард, чунон ки Писари Худо ба шарофати қувваи Рӯҳулқудс ба ҷо меовард. Пайғамбарон аз Худо ваҳйи ҷузъӣ ба даст оварданд, аммо «Рӯҳ ба воситаи Масеҳ ва дар Ӯ худи хирад, худи дили Худоро дар тамоми муҳаббати беҳудуди Ӯ ба инсоният зоҳир намуд».

**3,35** Ин оят яке аз ҳафт оят дар Инҷили Юҳанно аст, ки дар онҳо ба мо хабар дода мешавад, ки *Падар Писарро дӯст медорад*. Муҳаббати Ӯ дар он зоҳир мешавад, ки Падар *ҳама чизро* ба дасти Ӯ додааст. Дар байни ҳамаи он чи Наҷотдиҳанда бар он ҳукмфармост, – тақдирҳои одамон аст, ки дар ояти 36 фаҳмонда мешавад.

**3,36** Худо ба Масеҳ қудрате додааст, то ба ҳамаи онҳое ки ба Ӯ бовар мекунанд, *ҳаёти ҷовидонӣ* ато намояд. Ин яке аз возеҳтарин оятҳои Навиштаи Муқаддас аст, ки дар он оид ба чӣ гуна ба даст овардани наҷот гуфта шудааст. Фақат ба Писар имон овардан лозим аст. Ин оятро хонда, мо мефаҳмем, ки ин Худост, ки сухан мегӯяд. Ӯ ваъдаеро медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ вайрон карда намешавад. Дар он равшану возеҳ гуфта мешавад, ки *ҳар кӣ ба Писар имон дорад, ҳаёти абадӣ дорад*. Қабул кардани ин ваъда маънои ба торикӣ ҷастанро надорад. Ин фақат бовар кардан ба он чизест, ки дурӯғ буда наметавонад. *Ва касе ки ба Писар имон надорад, ҳаёт намебинад, балки хашми Худо бар вай мемонад*. Аз ин оят мо мефаҳмем, ки тақдири абадии мо ба он вобастааст, ки бо *Писари* Худо чӣ гуна рафтор мекунем. Агар мо Ӯро қабул кунем, Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато мекунад. Агар мо Ӯро рад кунем, ҳеҷ гоҳ аз ҳаёти ҷовидонӣ баҳра нахоҳем бурд. Бештар аз ин, моро *хашми* Худо интизор хоҳад буд, он бар сари мо истода, ҳар лаҳза ба фурӯ омадан тайёр аст.

Аҳамият диҳед: дар ин оят оид ба итоат ба шариат, риояи «қоидаи тиллоӣ», ба калисо рафтан, корҳои неки мо ё ҷустуҷӯҳои роҳ ба сӯи осмон чизе гуфта нашудааст.

### З. Бозгашти зани сомарӣ (4,1-30)

**4,1-2** *Фарисиён шунидаанд, ки* Исо *беш аз Яҳё шогирдон пайдо мекунад*, ва шуҳрати Яҳё кам шуда истодааст. Шояд, онҳо инро барои он истифода бурданӣ шуданд, ки дар байни шогирдони Яҳё ва Худованд Исо рашк ва рақобатро бедор кунанд. Агарчи *Худи Исо* таъмид намедод, *шогирдонаш* таъмид медоданд. Аммо одамон чун пайравон ё шогирдони Худованд таъмид мегирифтанд.

**4,3** *Яҳудоро* тарк карда, ба *Ҷалил* равона шуда, Исо нақшаҳои фарисиёнро вайрон кард ва онҳоро аз имконияти тухми низоъ коштан маҳрум кард. Аммо дар ин оят боз чизе ҳаст, ки аҳамияташ камтар намебошад. *Яҳудо* маркази динии яҳудияи дар он ҷо ҳукмрон буд, дар ҳоле ки *Ҷалил* чун замини бутпарастони ашаддӣ маълум буд. Худованд Исо мефаҳмид, ки роҳбарони яҳудӣ Ӯ ва шаҳодати Ӯро рад мекунанд ва аз ин рӯ бо хабари наҷот ба бутпарастон муроҷиат намуд.

**4,4** *Сомара* дар роҳи рост аз Яҳудо ба Ҷалил воқеъ буд. Кам яҳудиён аз ин роҳи рост истифода мебурданд. Онҳо аз вилояти Сомара чунон нафрат доштанд, ки ба воситаи Перея давр зада рафтанро афзал медонистанд, то ки ба шимол, ба Ҷалил, ворид шаванд. Ҳамин тариқ, ин ҷо оид ба он гуфта мешавад, ки *Ӯро лозим буд аз Сомара гузашта равад*. Ӯ

на танҳо аз боиси нуқтаи назари ҷуғрофӣ бо ин роҳ рафт, балки бештар барои он ки он ҷо ҷони муҳтоҷе мезист, ки Ӯ ба вай ёрӣ дода метавонист.

**4,5** Ҳангоми сафар дар *Сомара* Худованд ба шаҳраки хурде омад, ки *Суҳар* ном дошт. Дар наздикии ин шаҳрак *қитъаи замине буд, ки Яъқуб ба писари худ Юсуф дода буд* (Ҳас. 48,22). Исо дар ин ҳудуд сафар мекард, ва ҳамаи саҳнаҳои таърихи қадимии он пеши назари Ӯ ҷилвагар мешуданд.

**4,6** Он ҷо чашмае буд, ки чун *чоҳи Яъқуб* маълум аст. Мусофирон ҳанӯз ҳам ин чоҳи қадимиро дида метавонанд. Он яке аз ҷойҳои ками Навиштаи Муқаддас аст, ки имрӯзҳо ба осонӣ шинохтан мумкин аст.

*Тақрибан* наздики нисфирӯзӣ (вақти яҳудӣ) ё соати шаши баъди нисфирӯзӣ (вақти румӣ) буд, ки *Исо* ба чоҳ омада расид. Баъди роҳи дароз Ӯ хастагиро ҳис намуда, *бар сари он чоҳ нишаст.* Исо Писари Худост, аммо Ӯ Одам низ ҳаст. Чун Худо Ӯ ҳеҷ гоҳ набояд хаста мешуд, аммо чун Одам Ӯ хаста мешуд. Инро фаҳмидани мо душвор аст. Аммо шахсияти Худованд Исоро бо хиради фонии мо то охир фаҳмидан имконнопазир аст. Он ҳақиқат, ки Худо ба замин фаромада, чун Одам, дар байни одамон зиста метавонист, – сиррест, ки аз дараҷаи фаҳмиши мо болотар аст.

**4,7** Ҳангоме ки Худованд Исо дар назди чоҳ менишаст, *зане* аз шаҳрак *барои об кашидан омад.* Агар, чунон ки баъзе олимон мегӯянд, ин вақт нисфирӯзӣ бошад, пас ин барои ба назди чоҳ рафтани зан вақти тамоман номуносиб аст; ин вақти гармтарини рӯз аст. Аммо ин зан гуноҳкори бадахлоқ буд ва, аз афташ, ин вақтро аз боиси шарм интихоб намуд, зеро дар ин ҳангом ҳеҷ зане вайро намедид. Албатта, Худованд Исо медонист, ки вай дар ин вақт ба назди чоҳ меояд. Ӯ ташнагии ҷони вайро медонист ва қарор дод, ки бо вай вохӯрад ва аз ҳаёти гуноҳолуд озод намояд.

Дар ин порча мо Фотеҳи моҳири ҷонҳоро дар амал мебинем, ва омӯхтани усулҳое ки Ӯ барои ошкор намудани эҳтиёҷ ва ҳал намудани мушкилоти ин зан ба кор мебурд, муфид хоҳад буд. Худованди мо ба ин зан фақат ҳафт бор сухан гуфт. Зан низ ҳафт бор ҷавоб дод – шаш бор ба Худованд ва як бор ба мардуми шаҳрак. Агар мо бо Худованд ҳамин қадар суханронӣ мекардем, дар шаҳодат додан ба «мардуми шаҳрак» ҳамин қадар муваффақият медоштем. Исо гуфтугӯро бо хоҳиш сар кард. Аз сафар монда шуда, Ӯ ба зан гуфт: *«Ба Ман об деҳ».*

**4,8** Ин оят мефаҳмонад, ки чаро, аз нуқтаи назари одамӣ, Худовандро лозим омад аз ин зан об хоҳиш намояд. *Зеро ки шогирдонаш барои харидани хӯрок ба* Суҳар *рафта буданд.* Онҳо сатилҳои обро бо худ бурда буданд. Бинобар ин Худованд чизе надошт, ки бо он аз чоҳ об гирад.

**4,9** Зан дар Исо *яҳудиро* шинохт ва аз он дар ҳайрат буд, ки Ӯ бо вай, бо сомарӣ, сухан гуфт. Сомариён фикр мекарданд, ки аз сибти Яъқуб мебошанд ва худро исроилиёни ҳақиқӣ меҳисобиданд. Дар асл бошад онҳо омехтаи яҳудиён бо бутпарастон буданд. Кӯҳи Ҷаризим барои онҳо ҷои расмии парастиш буд. Ин кӯҳ дар Сомара буд ва ба Худованд ва зане ки бо Ӯ сӯҳбат мекард, намоён буд. Исроилиён ба сомариён бо нафрати оштинопазир муносибат мекарданд. Онҳо ин мардумро дурага меҳисобиданд. Маҳз барои ҳамин ин зан ба Худованд Исо гуфт: *«Чӣ тавр Ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, аз ман об мехоҳӣ, дар ҳоле ки ман зани сомариам?»* Вай ҳанӯз намефаҳмид, ки бо Офаридгори худ сӯҳбат мекард ва муҳаббати Ӯ аз ҳамаи фарқҳои инсонӣ болотар аст.

**4,10-11** Хоҳони илтифот шуда, Худованд таваҷҷуҳ ва кунҷковии занро бедор намуд. Акнун Ӯ оид ба Худ чун оид ба Худо ва Одам нақл карда, боз ҳам бештар диққати вайро ҷалб мекунад. Ӯ пеш аз ҳама *атои Худо* буд. Танҳо Худо Писари ягонаи Худро дода метавонист, то ки Ӯ Наҷотдиҳандаи ҷаҳон шавад. Аммо Ӯ ҳамчунин Одаме буд, ки дар роҳ хаста шудааст ва об *нӯшидан* хост. Дигар хел карда гӯем, агар зан мефаҳмид, ки ҳамсӯҳбати вай Худои дар ҷисм зоҳиршуда аст, худаш *аз Ӯ хоҳиш мекард, ва Ӯ ба вай оби ҳаёт медод.* Зан калимаи «об»-ро айнан фаҳмид ва қарор дод, ки Ӯ барои гирифтани об чизе надорад. Вай Худовандро тамоман нашинохт ва суханони Ӯро нафаҳмид.

**4,12** Ҳангоме вай оид ба падар *Яъқуб, ки* ба онҳо *ин чоҳро додааст,* фикр кард, изтироби вай афзуд. Худи Яъқуб аз он чоҳ об менӯшид, ва *фарзандонаш ва чорвояш аз он менӯшиданд.* Акнун, баъди садсолаҳо, мусофири хасташудае омад ва хоҳиш кард аз чоҳи Яъқуб об нӯшад ва дар айни замон мегӯяд, ки назар

ба обе ки Яъқуб додааст, чизи беҳтаре дода метавонад. Агар Ӯ чизи беҳтаре дошта бошад, чаро хоҳиш мекунад аз чоҳи Яъқуб нӯшад?

**4,13** Ҳамин тариқ, Худованд ба фаҳмондани фарқи байни оби аслӣ аз чоҳи Яъқуб ва обе ки Ӯ медиҳад, сар кард. *Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна мемонад.* Зани сомарӣ инро хуб медонист. Ҳар рӯз вай барои об ин ҷо меомад, вале боз ҳам он камӣ мекард. Ҳамин чиз ба ҳамаи чоҳҳои ҷаҳон дахл дорад. Одамон ҳаловатҳо ва қаноатмандиро дар чизҳои заминӣ меҷӯянд, аммо он наметавонад ташнагии дили одамро рафъ намояд. Чунон ки Августин дар «Изҳори имон»-и худ гуфтааст: «Худовандо, Ту моро барои Худ офаридӣ, ва дили мо нооромаст, то даме ки дар Ту ором шавад».

**4,14** Обе ки Исо медиҳад, ҳақиқатан ташнагиро рафъ менамояд. *Ҳар кӣ аз оби* баракатҳо ва марҳамати Масеҳро *нӯшад, то абад ташна намемонад.* Атоҳои Ӯ на танҳо дилро фаро мегиранд, онҳо аз он ҷорӣ мешаванд. Онҳо ба фаввораи об монанд ҳастанд, ки на танҳо дар ин ҳаёт, балки дар ҷовидонӣ низ доимо пур аст. *«То ҳаёти абадӣ меҷӯшад»* онро ифода мекунад, ки обе ки Масеҳ медиҳад, бо имкониятҳои заминӣ маҳдуд нест, балки ҷовидона ҷорӣ мешавад. Тазод аён аст. Ҳар он чи ҷаҳон пешниҳод карда метавонад, барои пур кардани дили одам кофӣ нест. Аммо баракатҳое ки Масеҳ медиҳад, на танҳо дилро пур мекунанд, балки онҳо аз ғунҷоиши як дил беандоза калонтаранд.

*Тамоми олами бузург кофӣ нест,*
*То ки се кунҷи дилро пур кунад,*
*– Он боз ташна монда илтиҷо карданро давом медиҳад;*
*Танҳо Ваҳдати Сегона метавонад дили секунҷаи одамиро қонеъ кунад.*

Ҷорҷ Ҳерберт

Лаззатҳои ин ҷаҳон барои якчанд соли кӯтоҳ мебошанд, аммо хурсандиҳое ки Масеҳ ато кардааст, дар *ҳаёти абадӣ* низ давом меёбанд.

**4,15** Ҳангоме ки *зан* оид ба ин оби мӯъҷизаосо шунид, фавран онро чашидан хост. Аммо вай ҳанӯз ҳам оид ба оби одӣ фикр мекард. Вай намехост ҳар рӯз ба назди чоҳ *ояд,* об *кашад* ва онро дар кӯзаи вазнин ба сараш бардошта барад. Вай намефаҳмид, ки Исо оид ба оби рӯҳонӣ мегуфт, ва Ӯ баракатҳоеро дар назар дошт, ки ба ҷони одам аз рӯи имон ба Ӯ меоянд.

**4,16** Ин ҷо мавзӯи сӯҳбат қатъиян дигар мешавад. Зан ҳозиракак об пурсид, ва Худованд Исо ба вай пешниҳод намуд, ки *шавҳарашро ҷеғ занад.* Чаро? Пеш аз наҷот ёфтан зан бояд гуноҳи худро эътироф намояд. Вай бояд айб ва шармандагии худро эътироф намуда, ба назди Масеҳ бо тавбаи самимӣ ояд. Худованд Исо оид ба ҳаёти гуноҳолуди вай ҳама чизро медонист, ва қарор дод, ки тадриҷан, қадам ба қадам, вайро ба эҳсоси гуноҳкорияш бурда расонад.

Фақат касоне ки ҳалокшаванда будани худро медонанд, наҷот ёфта метавонанд. Ҳамаи одамон ҳалокшавандаанд, аммо инро эътироф кардан намехоҳанд. Ҳангоме ки одамонро барои Масеҳ ба даст овардан мешавем, мо набояд аз савол оид ба гуноҳ канораҷӯӣ кунем. Одамон бояд бо ҳақиқате рӯ ба рӯ шаванд, ки дар фасод ва гуноҳҳо ҳалок шуда истодаанд; ва ба онҳо Наҷотдиҳанда даркор аст; ваонҳо худашонро наҷот дода наметавонанд; ва Исо Наҷотдиҳандаест, ки онҳо ба Ӯ муҳтоҷанд; ва фақат Ӯ онҳоро наҷот медиҳад, агар онҳо дар гуноҳҳои худ иқрор шаванд ва ба Ӯ имон оваранд.

**4,17** Дар аввал зан хост ҳақиқатро пинҳон кунад ва дар айни замон дурӯғ нагӯяд. Вай *дар ҷавоб гуфт: «Ман шавҳар надорам».* Шояд, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, гуфтаи вай дуруст бошад. Аммо он барои пинҳон доштани муоширати гуноҳолуд бо марде ки шавҳари вай набуд, гуфта шуда буд.

*Вай (зан) оид ба дин сӯҳбат мекунад, илоҳиётро таҳлил менамояд, андаке киноя мекунад, вонамуд месозад, ки сахт ҳайрон шудааст, – ҳар чи ҳам бошад, ба Масеҳ имкон надиҳад, то ба ҷони пуризтироби вай, ки кӯшиши аз худ пинҳон шуданро дорад, назар андозад.*

(аз Қайдҳои ҳаррӯзаи Ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

Худованд Исо, чун Худо, оид ба ин зан ҳама чизро медонист. Ӯ ба вай гуфт: *«Ту рост гуфтӣ, ки шавҳар надорӣ».* Вай ҳамаи ошноёни худро фиреб карда метавонист, аммо на ин Одамро. Ӯ дар бораи вай ҳама чизро медонист.

**4,18** Худованд ҳеҷ гоҳ дониши пурраи худро оид ба ҳама кас ва ҳама чиз барои беҳуда фош кардан ё шарманда кардани шахс ба кор намебурд. Ин ҷо Ӯ ба фошкунӣ рӯ овард, то ки шахсро аз бори гуноҳ озод кунад. Аз афташ, ҳангоме ки Ӯ ба зан оид ба гузаштаи худи

вай нақл мекард, зан хеле ҳайрон шуд. Вай *панҷ шавҳар дошт,* ва оне ки ҳоло бо вай аст, *шавҳараш* нест.

Оид ба ин оят ақидаҳои гуногун баён карда мешаванд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки панҷ шавҳари пештара ё вафот кардаанд, ё вайро партофтаанд ва дар алоқаи онҳо бо вай ҳеҷ чизи гуноҳолуд набуд. Ҳамин тавр аст ё не, як чиз аниқ аст: ин зан зинокор буд. *«Касе ки акнун дорӣ, шавҳари ту нест»*. Ин мулоҳизаи муҳим аст. Зан гуноҳкор буд, ва то даме ки вай чунин рафтор мекард, Худованд наметавонист вайро бо «оби ҳаёт» баракат диҳад.

**4,19** Ҳангоме ки тамоми манзараи ҳаёт пеши назари *зан* омад, вай фаҳмид, ки ҳамсӯҳбати вай шахси одӣ нест. Аммо вай ҳанӯз дарк намекард, ки Ӯ Худост. Баҳои баландтарине ки вай ба Ӯ дода метавонист, чунин буд – Ӯ *пайғамбар* аст, яъне хабаррасони Худо.

**4,20** Зан, аз афташ, гуноҳашро дарк кард ва мавзӯи сӯҳбатро дигар карданӣ шуда, оид ба ҷои ҳақиқии парастиш пурсид. Шубҳае нест, ки ин суханонро ба забон оварда: *«Падарони мо дар болои ин кӯҳ парастиш мекарданд»*, вай ба кӯҳи Ҷаризим, ки дар наздикӣ қомат афрохта буд, ишора кард. Сипас вай ба Худованд ёдрас намуд (ба ин эҳтиёҷе набуд), ки яҳудиён *Уршалимро ҷои* дурусти *парастиш* меҳисобанд.

**4,21** Исо мулоҳизаи вайро сарфи назар накард, балки онро барои расондани ҳақиқати рӯҳонии зерин истифода бурд. Ӯ ба вай гуфт, ки *соате мерасад, ки на дар болои кӯҳи* Ҷаризим *ва на дар Уршалим парастиш* хоҳанд *кард*. Дар Аҳди Қадим Худо Уршалимро чун шаҳре нишон дода буд, ки дар он ҷо Ӯро парастиш кардан лозим аст. Парастишгоҳи Уршалим ҷои сукунати Худо буд, ва яҳудиёни тақводор ба Уршалим бо қурбониовариҳо ва даҳякиҳои худ меомаданд. Табиист, ки дар давраи Аҳди Нав ҳама чиз ба таври дигар аст. Худо ҷоеро дар рӯи замин муқаррар накардааст, ки одамон бояд барои парастиш биёянд. Худованд инро дар оятҳои баъдина муфассалтар баён кардааст.

**4,22** Бо суханони: *«Шумо он чиро, ки намедонед, парастиш мекунед»*, Худованд тарзи парастиши сомариёнро маҳкум кард. Ин тазоди аёнест бо таълимоти он ходимони динии ҳозира, ки мегӯянд, гӯё ҳамаи динҳо хубанд ва дар ниҳояти кор ҳамаашон ба биҳишти осмонӣ мебаранд. Худованд Исо ба ин зан хабар дод, ки парастиши сомариён на фақат мавриди писанди Худо набуд, балки Ӯ онро қабул намекунад. Ин парастишро одам фикр карда баровардааст ва Каломи Худо онро таҳсин намекунад. Парастиши яҳудиён бошад чунин нест. Худо яҳудиёнро чун халқи заминии интихобшудаи Худ ҷудо кард. Ӯ ба онҳо ҳамаи нишондодҳоро оид ба тарзи парастиши Ӯ дод.

*«Наҷот аз яҳудиён аст»* гуфта, Худованд таълим медод, ки Худо муқаррар намуда буд, ки яҳудиён фиристодагони Ӯ бошанд ва фақат ба онҳо Навиштаи Муқаддасро дод. Масеҳ маҳз ба воситаи яҳудиён фиристода шуд. Ӯ аз модари яҳудӣ таваллуд шуд.

**4,23** Сипас Исо ба зан хабар дод, ки бо омадани Ӯ дигар барои парастиши Худо ҷои муайяне нахоҳад буд. Акнун онҳое ки ба Худованд Исо имон доранд, Худоро дар ҳар ҷой ва ҳар вақт парастиш карда метавонанд. Парастиши ҳақиқӣ маънои онро дорад, ки имондор ба ҳузури Худо бо имон медарояд ва дар он ҷо Ӯро ҳамду сано мехонад ва Ӯро парастиш мекунад. Шахс метавонад дар ҳуҷраи кории худ, дар ҳабсхона ё дар саҳро бошад, аммо рӯҳи вай ба воситаи имон дар хонаи осмонӣ ҳамроҳи Худо хоҳад буд. Исо ба зан хабар дод, ки акнун Падарро *дар рӯҳ ва ростӣ* парастиш хоҳанд кард. Яҳудиён парастишро бо шаклҳои зоҳирӣ ва маросимҳо маҳдуд карданд. Онҳо гумон мекарданд, ки шариатро бекаму кост ва шаклан риоя намуда, расму русуми муайянро ба ҷо оварда, онҳо Падарро парастиш мекунанд. Аммо ин парастиш дар рӯҳ набуд. Он зоҳирӣ буд, на ботинӣ. Ҷисмҳои онҳо то ба замин хам шуда метавонистанд, аммо дилҳои онҳо дар назди Худо ҳолати дурустро ишғол намекарданд. Онҳо дар айни ҳол камбағалонро истисмор карда ё харидуфурӯши беинсофона карда метавонистанд.

Сомариён, аз тарафи худ, ҳамчунин шакли парастишро кор карда баромаданд, аммо он бардурӯғ буд. Он ҳеҷ гуна эътибори рӯҳонӣ надошт. Онҳо дини худро эҷод намуда, нишондодҳоеро, ки худашон муқаррар карда буданд, иҷро менамуданд. Ҳамин тариқ, ҳангоме Худованд гуфт, ки *дар рӯҳ ва ростӣ* парастиш кардан даркор аст, Ӯ ҳам яҳудиён ва ҳам сомариёнро сарзаниш менамуд. Бештар аз ин, Ӯ ба онҳо гуфт, ки бо омадани Ӯ одамон ба воситаи Ӯ дар рӯҳ ва парастиши самимӣ ба Худо

наздик шуда метавонанд. Оид ба ин андеша намоед! *Зеро ки Падар ҷӯёи ин гуна парастандагони Худ аст.* Худо хоҳони парастиши одамон аст. Оё Ӯ онро аз ман ба даст меоварад?

**4,24** *Худо Рӯҳ аст* – чунин аст баёни моҳияти Худо. Ӯ одам нест, ва хатоҳову маҳдудиятҳои инсонӣ ба Ӯ хос нестанд. Ӯ на бо вақт маҳдуд карда шудааст, на бо фазо. Ӯ Шахсияти нонамоёнест, ки дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад, Ӯ ҳамадон ва пурқудрат аст. Ӯ аз ҳама ҷиҳат комил аст. Пас, *онҳое ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд дар рӯҳ ва ростӣ парастиш кунанд.* Дар онҳо барои ҳеҷ гуна сохтакорӣ ва дурӯягӣ ҷой набояд бошад. Агар ҳаёти ботинӣ вайрон ва фосид бошад, ҳеҷ гуна даъвои тақводорӣ набояд бошад. Аз эҳтимол дур аст, ки ба Худо ҳар гуна маросимҳо маъқул бошанд. Ҳатто агар ин маросимҳоро Худи Худо муқаррар карда бошад ҳам, ба ҳар ҳол Ӯ исрор менамояд, ки одам ба Ӯ бо дили шикаста ва тавбакунанда наздик шавад. Дар ин боб боз ду калимаи «бояд» ҳаст, ки ба Фотеҳи ҷонҳо («лозим» – 4,4) ва ба парастишкунанда (4,24) равона карда шудааст.

**4,25** Худовандро шунида, зани сомарӣ тадриҷан ба фикр оид ба омадани *Масеҳ* омад. Рӯҳулқудс дар вай чунин шавқ бедор кард. Вай изҳори боварӣ намуд, ки ҳангоме Ӯ меояд, *ҳар чизро* ба одамон хабар медиҳад. Бо ин суханон вай фаҳмидани яке аз мақсадҳои бузурги омадани Масеҳро равшан баён намуд.

Ифодаи *«Масеҳ, яъне Масҳшуда (Христос)»* маънидоди он аст, ки ин ду калима ҳамон як чизро ифода мекунанд. *Масеҳ* – ифодаи яҳудии Масҳшудаи Худо мебошад; *Христос* муодили юнонист.

**4,26** *Исо ба вай гуфт: «Ман, ки бо ту сухан мегӯям, Ҳамонам».* (Бо тарҷумаи аниқ: «Ман, ки бо ту сухан мегӯям, ҳастам» – калимаи он ё ҳамон дар матни юнонӣ нест). Суханони Худованд Исо маънои амиқе доранд. Ибораи «Ман ҳастам»-ро истифода бурда, Ӯ нисбати Худ яке аз номҳоеро ба кор бурд, ки Худо Худро дар Аҳди Қадим чунин меномид: Ӯ гуфт: «МАН ҲАСТАМ бо ту сухан мегӯяд», ё ки дигар хел карда гӯем: «Яҳува ҳамонест, ки бо ту сухан мегӯяд». Ӯ ба вай ҳақиқати ҳайратовареро баён намуд, ки ҳамсӯҳбаташ ҳамон Масеҳест, ки вай дидан мехост, ва Ӯ ҳамчунин Худи Худост. Яҳува дар Аҳди Қадим – Исои Аҳди Нав аст.

**4,27** Аз Суҳар баргашта, *шогирдон* Исоро дар сӯҳбат бо *зан* ёфтанд. Онҳо ҳайрон шуданд, ки Ӯ бо зани сомарӣ сӯҳбат мекард. Онҳо, эҳтимол, гуноҳкор будани вайро низ фаҳмиданд. *Лекин ҳеҷ кас* аз Худованд напурсид, ки Ӯ аз зан чӣ мехоҳад ё *чӣ металабад.* Касе хуб гуфтааст: «Шогирдон ҳайрон шуданд, ки Ӯ бо зан гап мезанад; аммо онҳо бояд боз ҳам бештар ҳайрон мешуданд, ки Ӯ бо онҳо гап мезад!»

**4,28** *Зан кӯзаи худро монд!* Он рамзи чизҳои гуногуне буд, ки вай барои қонеъ намудани хоҳишҳои аз ҳама ниҳонии худ ба кор мебурд. Ҳамаи онҳо дучори нокомӣ шуданд. Акнун, ҳангоме ки вай Худованд Исоро пайдо намуд, чизҳое ки пештар дар зиндагии вай аҳамият доштанд, маънои худро гум карданд.

*Худовандо, ман мехостам обро ба зарфҳои кафида резам,*
*Аммо, афсӯс, тамоми об рехта рафт!*
*Ва он вақте ки ман барои нӯшидан хам шудам, он мерехт.*
*Ман таассуф мехӯрдам, аммо он бар ман истеҳзо мекард.*
*Ҳеҷ кас, ғайр аз Масеҳ, ташнагиямро рафъ карда наметавонад,*
*Ҳеҷ номи дигаре барои ман нест.*
*Муҳаббат, ҳаёт ва шодии доимиро*
*Исои Масеҳ, ман дар Ту ёфтам.*

Б. Е.

Вай на фақат *кӯзаи худро монд,* балки ҳамчунин *ба шаҳр рафт.* Одам наҷот пайдо карда, ҳамон дам оид ба дигарон, ки ба оби ҳаёт муҳтоҷанд, фикр мекунад. Ҳадсон Тейлор гуфтааст: «Баъзеҳо бисёр мехостанд ҷонишинони расулон бошанд; ман ҷонишини зани сомарӣ буданро афзал медонистам, ки ҳангоме онҳо дар пайи дарёфти хӯрокворӣ буданд, ҷонҳоро ҷустуҷӯ намуда, кӯзаи худро фаромӯш кард».

**4,29-30** Шаҳодати вай одӣ, аммо самарабахш буд. Вай ҳамаи шаҳриёнро даъват кард, *ки биёянд ва Касеро* бинанд, *ки ҳар он чи кардааст, ба* вай *гуфт.* Вай ҳамчунин ба дили онҳо фикреро ҷой намуд, ки шояд ин Одам ҳақиқатан Масеҳ бошад. Худи вай дар ин хусус қариб шубҳае надошт, зеро Ӯ ба вай аллакай эълон намуд, ки *Масеҳ* аст. Аммо вай ҳисси кунҷковии онҳоро бедор намуд, то ки онҳо назди Исо рафта, инро барои худ аниқ кунанд. Маълум аст, ки ин зан дар шаҳраки

худ бо гуноҳ ва шармандагии худ маълум буд. Ва дар назди ҳама истода, оид ба Худованд Исои Масеҳ шаҳодат додани вайро дида, аз афташ, одамон хеле ҳайрон шуданд! Шаҳодати зан самарабахш буд. Шаҳриён хонаву кори худро тарк карда, ба ҷустуҷӯи Исо рафтанд.

### И. Шодии Писар дар иҷро намудани хости Падар (4,31-38)

**4,31** Акнун, ки *шогирдон* бо хӯрок баргаштанд, онҳо аз Худованд хоҳиш карданд, ки хӯрок хӯрад. Аз афташ, онҳо аҳамияти воқеаҳои ба амал меомадаро дарк намекарданд. Дар ин лаҳзаи таърихӣ, ки шаҳраки сомарӣ дар назди Худованди ҷалол ҳозир шуд, фикрҳои онҳо бо сер кардани ҷисм банд буд, на бо ягон чизи баландтар аз он.

**4,32** Худованд Исо *ғизо* ва дастгириро дар он пайдо намуд, ки барои Падари Худ парастандагон ба даст оварад. Дар муқоиса бо ин шодӣ, сершавии моддӣ барои Ӯ аҳамияти зиёд надошт. Мо он чиро, ки дар зиндагӣ аз паяш ҳастем, ба даст меоварем. Шогирдон дар фикри хӯрок буданд. Онҳо барои хӯрок ба шаҳрак рафтанд. Онҳо бо он баргаштанд. Худованд дар фикри ҷонҳо буд. Ӯ мехост мардону занонро аз гуноҳ наҷот диҳад ва ба онҳо оби ҳаёти абадиро диҳад. Ӯ низ он чиро, ки меҷуст, пайдо намуд. Мо дар фикри чӣ ҳастем?

**4,33** Назари заминӣ ба чизҳо монеи *шогирдон* шуд, то маънои суханони Худовандро фаҳманд. Онҳо он ҳақиқатро қадр накарданд, ки «шодӣ ва комёбии муваффақияти рӯҳонӣ метавонад муддате бар ҳамаи талаботи моддӣ баланд бардорад ва ба монанди гӯшт ва нӯшокӣ сер кунад». Ҳамин тариқ, онҳо ба хулосае омаданд, ки аз афташ, касе ба Худованд *хӯрданӣ овардааст.*

**4,34** *Исо* боз ҳам кӯшиш кард диққати онҳоро аз чизҳои моддӣ ба рӯҳонӣ равона кунад. *Ғизои Ӯ он* буд, *ки хости Фиристандаи Худро* ба ҷо оварад ва *кореро,* ки Худо таъйин намудааст, *ба анҷом расонад.* Ин маънои онро надорад, ки Худованд Исо аз хӯрдани хӯроки маъмулӣ худдорӣ мекард, ин, аниқтараш, маънои онро дорад, ки мақсади бузургтарини ҳаёти Ӯ на сер кардани ҷисм, балки ба ҷо овардани хости Падар аст.

**4,35** Шояд, шогирдон дар бораи дарави оянда сӯҳбат мекарданд. Ё, шояд, яҳудиён зарбулмасале доштанд: *«чор моҳ* байни кишт ва *дарав».* Ҳар навъе ки бошад, Худованд Исо падидаи табииро, *даравро,* ба кор бурд, то дарси рӯҳонӣ диҳад. Шогирдон набояд гумон кунанд, ки то дарав ҳанӯз муддати дароз ҳаст. Онҳо наметавонанд ҳаётро дар ҷустуҷӯи хӯрок ва пӯшок сарф карда, гумон кунанд, ки кори Худоро баъд иҷро карда метавонанд. Онҳо бояд фаҳманд, ки *киштзор барои дарав сафед шудааст.* Ин ҷо киштзор гуфта, албатта, одамон дар назар дошта шудаанд. Ин суханонро ба забон оварда, Худованд дар байни киштзори серҳосили пур аз мардону занони сомарӣ буд. Ӯ ба шогирдон гуфт, ки онҳоро кори зиёди ҷамъоварии ҳосил дар пеш аст ва онҳо бояд ҳосилро фавран ва бо ҷидду ҷаҳд ҷамъ оваранд.

Имрӯзҳо Худованд ба ҳамаи мо, имондорон, мегӯяд: *«Чашмони худро боло карда киштзорро бинед».* Ҳангоме ки мо вақтро зоеъ карда, оид ба бисёр эҳтиёҷоти ҷаҳон андеша мекунем, Худованд дар дилҳои мо бори ҷустуҷӯи ҷонҳои ҳалокшавандаро, ки дар назди мо ҳастанд, мегузорад. Ва мо бояд қарор диҳем, ки оё ба номи Ӯ барои ҷустан ва банд бастани хӯшаҳои ҷамъоварда пеш меравем ё не.

**4,36** Ин ҷо Худованд Исо ба шогирдон мефаҳмонад, ки онҳо ба чӣ даъват шудаанд. Ӯ онҳоро барои дарав интихоб намуд. Онҳо на танҳо дар ин ҳаёт *музд* мегиранд, балки барои ҳаёти ҷовидонӣ *маҳсул* ҷамъ мекунанд. Хизмат ба Масеҳ дар замони ҳозира мукофоти калоне дорад, аммо дар рӯзҳои оянда даравгарон шодии иловагӣ хоҳанд дошт, ҳангоме ки дар осмон натиҷаи вафодорона Инҷилро эълон намудани худро – ҷонҳои наҷотёфтаро – мебинанд.

Ояти 36 онро таълим медиҳад, ки одам ҳаёти абадиро на бо дарави вафодорона сазовор мешавад, балки самараи кори вай дар ҳаёти ҷовидонӣ давом дорад.

Дар осмонҳо ҳам коранда, ва ҳам даравгар *бо ҳам шодӣ мекунанд.* Дар ҳаёти заминӣ киштзорро аввал ба кишт тайёр менамоянд, ва баъд дар он ғалла кишт мекунанд. Дертар ғалларо ҷамъ меоваранд. Ҳар ҳаёти рӯҳонӣ низ айнан ҳамин тавр аст. Дар аввал хабар бояд мавъиза карда шавад, сипас онро бо дуо «об медиҳанд». Ва ҳангоме ки муҳлати дарав фаро

мерасад, ҳамаи онҳое ки дар меҳнат иштирок доштанд, *бо ҳам шодӣ* мекунанд.

**4,37** Худованд *дар ин* иҷрои *сухани* он замонро медид: «*Яке мекорад ва дигаре дарав мекунад*». Баъзе масеҳиён даъват шудаанд, ки Инҷилро дар давоми солҳои зиёд мавъиза намуда, маҳсули зиёди меҳнати худро набинанд. Дигарон аз пайи онҳо рафта, ҷонҳои зиёдеро ба назди Масеҳ меоваранд.

**4,38** Исо шогирдонашро ба ҷойҳои аллакай аз тарафи дигарон тайёр кардашуда мефиристод. Дар давоми тамоми давраи Аҳди Қадим пайғамбарон фаро расидани давраи Инҷил ва Масеҳро пешгӯӣ мекарданд. Сипас чун саромади Худованд Яҳёи Таъмиддиҳанда омада, дилҳои одамонро меҷуст ва барои қабул намудани Ӯ тайёр мекард. Худованд шахсан ғалларо дар Сомара кишт кард ва даравро барои даравгарон тайёр кард. Акнун шогирдон тайёр буданд ба киштзори серҳосил бароянд, ва Худованд мехост, ки онҳо донанд: онҳо аз дидани адади зиёди онҳое ки ба Масеҳ имон меоваранд, шод шуда, бояд фаҳманд, ки дигарон меҳнат карданд, шогирдон бошанд *дар меҳнати онҳо* дохил шудаанд.

Миқдори ками ҷонҳо ба шарофати хизмати як шахс наҷот меёбанд. Бисёрии одамон пеш аз қабул кардани Наҷотдиҳанда Инҷилро борҳо шунидаанд. Пас, касе ки дар ниҳояти кор шахсро ба назди Масеҳ меоварад, набояд худситоӣ кунад, гӯё вай дар дасти Худо асбоби ягона буд, ки дар ин кори ҳайратовар истифода шуд.

### Й. Бисёр сомариён ба Исо имон меоваранд (4,39-42)

**4,39** Ба шарофати шаҳодати сода ва кушодадилонаи зани сомарӣ *бисёр* одамон ба Худованд Исо *имон оварданд*. Вай якчанд калимаро ба забон овард: «*Ҳар он чи кардаам, Ӯ ба ман гуфт*», аммо ин барои ба назди Наҷотдиҳанда овардани онҳо кофӣ буд. Ин суханон дар шаҳодат оид ба Масеҳ бояд барои мо намунаи содагӣ, ҷасорат ва софдилӣ бошанд.

**4,40** Он тарзи қабуле ки сомариён ба Худованд зоҳир карданд, ба тарзи қабуле ки яҳудиён ба Ӯ зоҳир намуданд, комилан мухолиф буд. Аз афташ, *сомариён* ин Шахси оличанобро дуруст баҳо доданд *ва аз Ӯ хоҳиш карданд, ки назди онҳо монад*. Даъватро қабул карда, Худованд *ду рӯз назди онҳо монд*. Як фикр кунед, ки чӣ имтиёзе буд барои шахраки Суҳар, ки тамоми ин муддат имконияти аз ҳузури Худованди ҳаёт ва ҷалол баҳра бурдан дошт!

**4,41-42** Ду бозгашти якхела нест. Баъзеҳо аз рӯи шаҳодати зан имон оварданд. *Боз бисёрии* одамон аз рӯи сухани Худи Худованд Исо *имон оварданд*. Худо воситаҳои гуногунро ба кор мебарад, то ки гуноҳкоронро ба назди Худ оварад. Фақат як чиз даркор аст – имон ба Худованд Исои Масеҳ. Шунидан ҷолиб аст, ки чӣ гуна ин сомариён оид ба Наҷотдиҳанда чунин шаҳодати равшан баён менамоянд. Онҳо заррае шубҳа надоштанд. Онҳо боварии комилро ба наҷот ба даст оварданд, ки на дар суханони зан, балки дар суханони Худи Худованд Исо асос ёфтааст. Ӯро *шунида* ва суханони Ӯро бо имон қабул карда, сомариён *донистанд, ки Ӯ ба ростӣ Масеҳ ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст*. Фақат Рӯҳулқудс метавонист ба онҳо ин фаҳмишро диҳад. Яҳудиён, аз афташ, гумон мекарданд, ки Масеҳ фақат барои онҳо меояд. Аммо сомариён фаҳмиданд, ки натиҷаҳои хизмати Масеҳ ба тамоми ҷаҳон дахл доранд.

### Й. Муъҷизаи дуюм: Шифо ёфтани писари дарборӣ (4,43-54)

**4,43-44** Худованд *пас аз ду рӯзе* ки дар назди сомариён гузаронд, Худованд *ба Ҷалил* равона шуд. Ояти 44 барои фаҳмидан душворие дорад. Дар он гуфта шудааст, ки сабаби аз Сомара ба Ҷалил рафтани Наҷотдиҳанда он буд, ки *пайғамбар дар ватани худ беқадр аст*. Аммо зодгоҳи Ӯ Ҷалил буд, зеро шаҳри Носира маҳз дар он ҷо воқеъ аст. Шояд, дар оят дар назар дошта шудааст, ки Исо ба Ҷалил рафт, аммо на ба худи Носира. Дар ҳар сурат, бешубҳа, он чиз ҳақиқат аст, ки одатан дар шаҳри зодгоҳ шахсро на ба монанди ҷойҳои дигар қадр мекунанд. Хешовандон ва дӯстон вайро аз вақте дар хотир доранд, ки бачаи одӣ буд ва аз онҳо ҳеҷ фарқе надошт. Албатта, ҳамшаҳриёни Худованд Исо Ӯро ба дараҷаи бояду шояд қадршиносӣ накарданд.

**4,45** Баъди *ба Ҷалил* бозгаштан Худованд хуш пазируфта шуд, чунки одамон *ҳар он чи дар Уршалим дар ид карда буд, дида буданд.* Аз афташ, *аҳли Ҷалил,* ки ин ҷо зикр мешаванд, яҳудиён буданд. Онҳо ба *Уршалим* барои парастиш омада буданд. Дар он ҷо онҳо Худовандро дида буданд ва шоҳидони амалҳои пурқудрати Ӯ буданд. Акнун онҳо Ӯро дар Ҷалил дидан мехостанд, аммо на барои он ки Ӯро Писари Худо меҳисобиданд, балки дидани Оне ки ба ҳар ҷое равад, боиси шарҳу тафсирҳои зиёде мешуд, барояшон шавқовар буд.

**4,46** Боз ҳам деҳаи *Қоно* сазовори ташрифи Худи Худованд шуд. Ҳангоми ташрифи аввалини Ӯ одамон дида буданд, ки Ӯ обро ба май табдил дод. Акнун онҳо мебоист шоҳиди муъҷизаи дигари пурқудрате мешуданд, ки овозаи он ҳатто ба *Кафарнаҳум* мерасад. *Шахсе аз дарбориён буд, ки писараш дар Кафарнаҳум бемор буд.* Аз афташ, вай яҳудие буд, ки дар дарбори шоҳ Ҳиродус хизмат мекард.

**4,47** Вай *шунид, ки Исо аз Яҳудия ба Ҷалил омадааст.* Вай, шояд, ба қобилияти шифодиҳии Масеҳ бовар мекард, чунки бевосита *назди Ӯ рафта, илтимос кард, ки омада, писарашро,* ки дар дами марг буд, *шифо диҳад.* Ба ин маъно вай аз бисёрии ҳамватанонаш бештар ба Худованд боварӣ дошт.

**4,48** На танҳо ба дарборӣ, балки ба ҳамаи яҳудиён[10] муроҷиат намуда, Худованд ба онҳо «хусусияти миллӣ»-и онҳоро ёдрас кард: онҳо мехостанд аввал муъҷизаҳоро бинанд ва баъд *имон оваранд.* Умуман мо чунин меҳисобем, ки Худованд Исоро на он имоне ки дар муъҷизаҳо асос ёфтааст, балки он имоне ки танҳо дар сухани Ӯ асос ёфтааст, қонеъ мекард. Ба Ӯ эҳтироми зиёдро на бо бовар кардан ба он чи Ӯ ба таври аёнӣ исбот мекунад, балки бо бовар кардан ба гуфтаҳои Ӯ зоҳир мекунанд. Ба одам хос аст, ки вай пеш аз бовар кардан дидан мехоҳад. Аммо Худованд Исо моро таълим медиҳад, ки аввал имон оварем, сипас бинем.

*Аломатҳо ва муъҷизаҳо* ба амалҳои фавқуттабиӣ дахл доранд. Аломатҳо – муъҷизаҳое мебошанд, ки маъно ё аҳамияти амиқ доранд. Муъҷизаҳо – падидаҳои ғайриодие мебошанд, ки одамонро бо фавқуттабиӣ буданашон дар ҳайрат мемононанд.

**4,49** *Дарборӣ* бо истодагарии имони ҳақиқӣ чунин меҳисобид, ки Худованд Исо писарашро шифо дода метавонад, ва беш аз ҳама чиз мехост, ки Худованд ба хонаи вай биёяд. Аммо имони вай нопурра буд. Вай гумон мекард, ки Исо бояд дар назди бистари писарак истад, то ки вайро шифо диҳад. Аммо Наҷотдиҳанда вайро барои ин сарзаниш накард, балки барои имони зоҳиркардааш мукофотонид.

**4,50** Ин ҷо афзудани имони одам нишон дода шудааст. Вай имони худро зоҳир намуд, ва Худованд бештар аз он дод. Исо вайро ба хонааш равона карда, ваъда дод, ки *«писарат зинда аст».* Писар шифо ёфта буд! Бе ягон хел муъҷиза ё далел шахс *ба сухане ки Исо гуфт, бовар карда,* ба хонааш раҳсипор шуд. Ин имон дар амал аст!

**4,51-52** Дар роҳ дарбориро *ғуломонаш* бо хабари хурсандиоваре пешвоз гирифтанд, ки *писараш* сиҳату саломат аст. Ин хабар вайро ҳеҷ ҳайрон накард. Вай ба ваъдаи Худованд Исо бовар мекард ва акнун исботи бовари худро медид. Падар аз ғуломон *пурсид,* ки *аҳволи* писараш кай *беҳтар шуд.* Ҷавоби онҳо далели он буд, ки шифоёбӣ тадриҷӣ набуд; он фавран ба амал омад.

**4,53** Акнун ҳеҷ шубҳае ба ин муъҷизаи олӣ намонда буд. Дар соати ҳафтуми рӯзи гузашта *Исо* дар Қоно ба дарборӣ *гуфт: «Писарат зинда аст». Ҳамон соат* дар Кафарнаҳум писар шифо ёфт, ва табларза вайро тарк кард. Дарборӣ аз ин фаҳмид, ки зарурате нест, ки Худованд Исо ҷисман ҳозир бошад, то муъҷизае ба амал оварад ё ба дуо ҷавоб диҳад. Ин бояд ҳамаи масеҳиёнро ба дуо гуфтан водор наояд. Мо Худои тавоноеро дорем, ки хоҳишҳои моро мешунавад ва мақсадҳои Худро дар ҳамаи гӯшаҳои олам дар ҳар вақт амалӣ гардонда метавонад.

Дарборӣ *худаш ва тамоми аҳли байташ имон оварданд.* Аз ин ва дигар оятҳои Аҳди Нав аён аст, ки Худо дидани оилаҳои дар Масеҳ муттаҳидшударо дӯст медорад. Ӯ намехоҳад дар осмон оилаҳои номуттаҳидро бинад. Ӯ оид ба он ғамхорӣ мекунад, ки *тамоми аҳли байт* ба Писари Ӯ бовар кунанд, ва ин ҳолатҳоро ба қайд мегирад.

**4,54** Шифоёбии писари дарборӣ дар тамоми хизмати Худованд то ин лаҳза муъҷизаи дуюм набуд. *Ин муъҷизаи дуюм буд, ки Исо баъд аз омаданаш аз Яҳудия ба Ҷалил* ба амал овард.

## III. СОЛИ ДУЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 5)

### A. Муъҷизаи сеюм: Шифо додани бемор (5,1-9)

**5,1** Дар ин боб оид ба давраи гузарондаи яке аз идҳои яҳудӣ нақл карда мешаванд. Бисёриҳо тахмин мекунанд, ки ин ҷо сухан оид ба Песаҳи яҳудиён меравад, аммо дар ин боварии пурра нест. *Исо* аз рӯи таваллуд яҳудӣ буд ва ба қонунҳое ки Худо ба яҳудиён дод, итоаткор буда, *ба Уршалим ба ид омад*. Чун Яҳуваи Аҳди Қадим, Худованд Исо Касе буд, ки аввалин шуда Песаҳи яҳудиро муқаррар намуд. Чун Одаме ки ба Падар итоаткор аст, Ӯ акнун ба қонунҳое ки Ӯ муқаррар карда буд, итоат мекард.

**5,2** Дар Уршалим ҳавзе ҳаст, ки *Байт-Ҳасдо* номида шуда, маънояш *хонаи раҳмдилӣ* ё *хонаи ҳамдардӣ* аст. Ин *ҳавз дар назди Дарвозаи Меш буд*. Ҷои аниқи он аз рӯи ҳафриёт (назди калисои Аннаи пок, ки ба салибдорон тааллуқ дошт) маълум аст. Дар атрофи ҳавз *панҷ айвон буд*, яъне толорҳои васеи кушод, ки миқдори зиёди одамонро ғунҷоиш дода метавонист. Баъзе муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас чунин меҳисобанд, ки ин панҷ айвон ифодакунандаи шариати Мусо мебошанд, ки ба инсон барои баромадан аз мушкилоти амиқ ёрӣ дода наметавонист.

**5,3** Аз афташ, ҳавзи Байт-Ҳасдо чун ҷои ба амал омадани муъҷизаҳои шифоёбӣ маълум буд. Оё ин муъҷизаҳо дар давоми тамоми сол ба амал меомаданд, ё баъзан, масалан, дар рӯзҳои ид, мо намедонем. Дар атрофи ҳавз *беморони* бисёр хобида буданд, ки бо умеди шифо омада буданд. Баъзеҳо *кӯр*, дигарон *ланг*, баъзеи дигар *шал* буданд. Ин намудҳои гуногуни заифӣ ифодакунандаи одами гуноҳкор мебошанд: нотавонӣ, кӯрӣ, лангӣ ва ношоямӣ.

Ин одамон, ки баданҳояшон дар натиҷаи гуноҳ азият мекашиданд, *мунтазири ҳаракати об буданд*. Дилҳои онҳо пур аз интизории раҳоӣ аз беморӣ буданд, ва онҳо самимона шифо ёфтан мехостанд. Г. Беллет мегӯяд:

*Онҳо дар атрофи оби тағйирёбанда ва фиребанда интизорӣ мекашиданд, агарчи Писари Худо дар ҳамон ҷо ҳозир буд ... Бешубҳа, ин барои мо даре аст. Ҳавзи пур аз одамон, ва Исо, ки бе таваҷҷуҳи мардум мегузарад! Чунинанд нишонаҳои динҳои одамӣ! Шитофтан аз пайи муқаррарот ва дастурот бо тамоми механизми мураккаби онҳо ва сарфи назар кардани файзи Худо.*[11]

**5,4** Ин ҷо барои қонеъ намудани ҳисси кунҷковии мо хеле кам гуфта шудааст. Ба мо фақат гуфта мешавад, ки *фариштаи Худо гоҳгоҳ ба ҳавз фуромада, обро ҳаракат медод*. Ва касе ки *аввалин* шуда баъди ба ҳаракат омадани об ба ҳавз мефаромад, шифо меёфт. Ба худ тасаввур кардан мумкин аст, ки ин чӣ гуна манзараи риққатовар буд – одамони бисёре ки муҳтоҷи ёрӣ буда, ба худ сӯи об роҳ мекушоянд, агарчи фақат як кас шифо ёфта метавонист.

Дар бисёр нусхаҳои Навиштаи Муқаддас қисми охири ояти 3 (аз калимаҳои «мунтазири ҳаракати об буданд») ва тамоми ояти 4 нест, аммо дар бисёрии дастнависҳо ин калимаҳо ҳастанд. Аз ҳикояте ки маънидод надорад, фаҳмидан душвор аст, ки чаро ин беморон он ҷо буданд.

**5,5-6** Дар ҳавз як касе буд, ки *сию ҳашт сол гирифтори беморӣ буд*. Ин чунин маъно дорад, ки вай ҳанӯз пеш аз таваллуди Наҷотдиҳанда бемор шуда буд. Худованд Исо ҳама чизро медонист. Ӯ он одамро пеш аз ин надида буд, аммо Ӯ медонист, ки вай *муддати дарозе* бемор аст.

Ӯ пур аз муҳаббат ва ҳамдардӣ буда, ба вай гуфт: «Оё мехоҳӣ шифо ёбӣ?» Исо медонист, ки ин орзуи калонтарини дили он мард буд. Аммо Ӯ ҳамчунин мехост, ки шахс нотавонӣ ва ба шифоёбӣ эҳтиёҷ доштани худро эътироф намояд. Ин ба наҷот низ дахл дорад. Худованд медонад, ки мо наҷот ёфтан мехоҳем, аммо Ӯ интизори он аст, ки мо иқрор шавем, ки талафшуда ҳастем, ба Ӯ муҳтоҷем ва Ӯро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунем. Мо бо хости худ наҷот ёфта наметавонем, аммо хости одамӣ бояд пеш аз он ки Худо ҷонро наҷот диҳад, зоҳир шавад.

**5,7** Ҷавоби *бемор* хеле риққатовар буд. Дар тӯли солҳои зиёд вай назди ҳавз хобида, мунтазири он буд, ки *об ба ҳаракат меояд,* ва касе вайро ба ҳавз мефурорад, аммо касе набуд, ки ба вай ёрӣ диҳад. Ҳар боре ки вай худаш даромаданӣ мешуд, каси дигар пештар медаромад. Ин ба мо оид ба дилхунукие мегӯяд, ки моро интизор аст, агар мо ба одамони

дигар такя карда, умед бандем, ки онҳо моро аз гуноҳ озод мекунанд.

**5,8** *Бистари* шахс палоси мулоим ва ё кӯрпачаи сабук буд. Исо ба вай фармуд, ки бархезад, ва бистари худро гирифта *равад*. Дарс барои мо дар он аст, ки наҷот пайдо карда, мо бояд на танҳо бархезем, балки низ роҳ гардем. Худованд Исо моро аз махави гуноҳ пок мекунад ва баъд аз он интизори он аст, ки роҳгардии мо муносиби Ӯ хоҳад буд.

**5,9** Наҷотдиҳанда ҳеҷ гоҳ барои амале қувват надода иҷрои онро фармон намедиҳад. Ҳанӯз ҳангоме ки Ӯ сухан мегуфт, ҳаёти нав ба бадани бемор ворид шуд. Вай ҳамон дам сиҳат шуд. Ин шифоёбии тадриҷӣ набуд. Дастону пойҳое ки солҳо боз кор намекарданд ва суст буданд, акнун аз қувва пур шуданд. Бемор фавран ба сухани Худованд итоат кард. Вай *бистарашро бардошта, ба роҳ даромад*. Эҳтимол, баъди 38 соли бемории вай бо ҳаяҷони сахт ба по хест.

Ин муъҷиза дар *рӯзи шанбе,* рӯзи охирини ҳафта ба амал омад. Дар рӯзи шанбе кор кардани яҳудиён мумкин набуд. Ин шахс яҳудӣ буд, аммо вай баъди суханони Худованд Исо, бо вуҷуди анъанаҳои яҳудие ки ба ин рӯз дахл доштанд, натарсида, бистарашро бардошта бурд.

### Б. Мухолифати яҳудиён (5,10-18)

**5,10** Ҳангоме *яҳудиён* шахсеро диданд, ки дар рӯзи *шанбе* бистарашро бардошта мебарад, онҳо ба сарзаниш намудани вай сар карданд. Ин одамон бо ҷиддияти тамом ва ҳатто бераҳмона иҷрои расму русуми динии худро талаб мекарданд ва шариатро сахт риоя менамуданд, аммо дар айни ҳол ба дигарон кам меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ зоҳир мекарданд.

**5,11** Одами шифоёфта ҷавоби хеле сода дод. Вай гуфт, ки Шифодиҳанда фармуд, то *бистарашро бардорад ва равад*. Ба Касе ки метавонад шахси 38 сол боз бемор бударо шифо диҳад, итоат кардан лозим аст, ҳатто агар Ӯ ба одам фармояд, ки дар рӯзи шанбе бистарашро бардошта равад! Он вақт шахси шифоёфта ҳақиқатан намедонист, ки Худованд Исо Кист. Вай оид ба Ӯ суханони умумӣ мегуфт, аммо бо миннатдории самимӣ.

**5,12** Яҳудиён хеле мехостанд донанд, ки кадом касе ба ин шахс иҷозат дод анъанаи рӯзи шанберо вайрон кунад, ва аз вай хоҳиш карданд, ки айбдоршавандаро тасвир намояд. Шариати Мусо мегуфт: ҳар касе ки шанберо вайрон мекунад, бояд сангсор карда кушта шавад. Яҳудиён ба шифо ёфтани бемор коре надоштанд.

**5,13** Он ки *шифо ёфта буд,* намедонист, ки вайро кӣ шифо додааст. Вай инро дониста наметавонист, зеро Исо дар байни одамоне ки дар назди ҳавз буданд, нопадид шуд.

Ин ҳодиса дар хизмати умумии Худованд Исои Масеҳ яке аз лаҳзаҳои гардиш аст. Ӯ дар рӯзи шанбе муъҷиза нишон дод, ва ин боиси хашму ғазаби роҳбарони яҳудӣ шуд. Онҳо ба таъқиб кардани Ӯ сар карда, имконияти аз ҳаёт маҳрум кардани Ӯро меҷустанд.

**5,14** Баъди муддате *Исо* шахси шифоёфтаро дар парастишгоҳ пайдо намуд, ки вай, бешубҳа, дар он ҷо барои муъҷизаи аҷиби дар ҳаёташ рӯйдода Худоро шукргузорӣ мекард. Худованд ба вай ёдрас намуд, ки азбаски ба вай чунин эҳсони бузург зоҳир карда шудааст, акнун вай бояд ба як уҳдадорӣ пайравӣ намояд. Имтиёз ҳамеша бо масъулият ҳамроҳ аст. *«Инак, шифо ёфтаӣ, дигар гуноҳе накун, то ки ба ҳоли бадтаре дучор нашавӣ»*. Мо метавонем хулоса барорем, ки ин шахс дар натиҷаи гуноҳе дар ҳаёти худ бемор шуда буд. Аммо на ҳамеша бемори дар гуноҳ асос ёфтааст. Бисёр бемориҳо дар ҳаёти одам бо гуноҳ робитаи бевосита надоранд. Кӯдакон, масалан, пеш аз он ки барои дидаву дониста гуноҳ кардан ба қадри кофӣ болиғ шаванд, бемор шуда метавонанд.

*«Дигар гуноҳе накун»,* – меъёри қуддусияти илоҳиро тасвия дода, гуфт Исо. Агар Ӯ «ҳаддалимкон камтар гуноҳ кун» мегуфт, Ӯ Худо намебуд. Худо ба ҳеҷ андозае нисбати гуноҳ саҳлангорӣ карда наметавонад. Сипас Исо бори дигар огоҳ намуд: *«... то ки ба ҳоли бадтаре дучор нашавӣ»*. Худованд нагуфт, ки бадтар гуфта вай чиро дар назар дошт. Аммо Ӯ, бешубҳа, мехост ин шахс фаҳмад, ки гуноҳ оқибатҳои назар ба бемории ҷисмонӣ даҳшатноктар дорад. Онҳое ки дар гуноҳ мемиранд, ба ғазаб ва азобҳои ҷовидонӣ маҳкум мебошанд.

Гуноҳ бар зидди файз назар ба гуноҳ бар зидди шариат хеле ҷиддитар аст. Исо нисбати

ин шахс муҳаббат ва раҳмдилии ҳайратовар зоҳир намуд. Ва баромада давом додани ҳамон ҳаёти гуноҳкоронае ки пештар боиси бемории вай гардида буд, носипосӣ мебуд.

**5,15** Ба монанди зани сомарӣ, *он мард* хост, ки оид ба Наҷотдиҳандаи худ дар назди мардум шаҳодат диҳад. Вай *рафта, ба яҳудиён гуфт, ки шифодиҳандаи* вай *Исо аст.* Вай ба Исо сипосгузорӣ кардан мехост, агарчи яҳудиён ба ин гуна сипосгузорӣ таваҷҷуҳе надоштанд. Хоҳиши асосии онҳо дастгир кардан ва ҷазо додани Исо буд.

**5,16** Ин ҷо дили беандоза фосидшудаи одам нишон дода мешавад. Наҷотдиҳанда омад ва амали бузурги шифодиҳиро ба ҷо овард, аммо яҳудиёнро ин сахт хашмгин намуд. Онҳо аз он хашмгин буданд, ки муъҷиза дар *рӯзи шанбе* ба амал омад. Онҳо иҷрокунандагони дилсахти динӣ буданд, ки аз баракат ва некӯаҳволии халқи худ дида бештар ба риояи маросимҳо шавқманд буданд. Онҳо намефаҳмиданд, ки дар наздашон маҳз Ҳамоне буд, ки шанберо дар байни рӯзҳои дигар ҷудо кард ва акнун дар ҳамин рӯз ин амали раҳмдилонаро ба ҷо овард. Худованд Исо шанберо вайрон накард. Шариат дар ин рӯз кори вазнинро манъ мекард, аммо он ёрӣ расондан ва раҳмдилӣ зоҳир намуданро манъ намекард.

**5,17** Худо офариниши оламро дар шаш рӯз анҷом дода, рӯзи ҳафтум истироҳат намуд. Ин рӯзи шанбе буд. Аммо ҳангоме ки ба ҷаҳон гуноҳ ворид шуд, истироҳати Худо вайрон карда шуд. Акнун ба Ӯ лозим меояд, ки беист кор кунад, то ки ба мардону занон мушоракатро бо Худ бозгардонад. Ӯ бояд воситаҳои наҷотро таъмин намояд. Ӯ бояд хабари Инҷилро ба ҳамаи наслҳо фиристад. Ҳамин тариқ, аз замони гуноҳи Одам то ҳозир Худо беист *кор мекард* ва *кор карда* истодааст. Худи ҳамин нисбати Худованд Исо низ дуруст аст. Ӯ бо кори Падари Худ машғул буд, муҳаббат ва марҳамати Ӯро танҳо бо шаш рӯз маҳдуд кардан мумкин нест.

**5,18** Ин оят хеле муҳим аст. Он ба мо хабар медиҳад, ки яҳудиён боз ҳам бештар имконият меҷустанд Худованд Исоро *ба қатл расонанд,* зеро Ӯ *на танҳо шанберо риоя намекард, балки Худро ба Худо баробар медонист!* Онҳо бо хиради маҳдуди худ гумон мекарданд, ки Худованд шанберо риоя намекунад. Онҳо намефаҳмиданд, ки Худо ҳеҷ гоҳ намехост одам дар рӯзи шанбе ягон душворие дошта бошад. Агар одамро дар рӯзи шанбе шифо додан мумкин бошад, пас ба Худо писанд нест, ки вай боз як рӯз азоб кашад.

Ҳангоме ки Исо *Худоро Падари Худ* меномид, яҳудиён мефаҳмиданд, ки Ӯ даъвои *бо Худо баробар буданро* дорад. Барои онҳо ин куфри даҳшатовар метофт. Дар асл ин фақат ҳақиқат буд.

Оё дар ҳақиқат Худованд Исо изҳор менамуд, ки ба Худо баробар аст? Агар Ӯ намехост, инро ба яҳудиён мефаҳмонд. Ба ҷои ин Ӯ дар оятҳои оянда боз ҳам бо қатъият мегуфт, ки Ӯ ҳақиқатан бо Падар як аст. Ҷ. Сидлоу Бакстер чунин менависад:

*Ӯ аз ҳафт ҷиҳат даъвои баробарӣ бо Худо мекунад: 1) Баробарӣ дар меҳнат: «... он чи Ӯ (Падар) мекунад, Писар низ мекунад» (о. 19); 2) Баробарӣ дар дониш: «Зеро Падар Писарро дӯст медорад ва ҳар он чи Худ мекунад, ба Писар нишон медиҳад» (о. 20); 3) Баробарӣ дар зинда кардан аз мурдагон: «Зеро, ҳамчунон ки Падар мурдагонро бармехезонад ва зинда мегардонад, Писар низ ончунон ҳар киро хоҳад, зинда мегардонад» (о. 21; ниг. ҳамчунин о. 28.29); 4) Баробарӣ дар ҳуқуқи доварӣ: «Зеро ки Падар ҳеҷ касро доварӣ намекунад, балки тамоми довариро ба Писар супурдааст» (о. 22, ҳамчунин о. 27); 5) Баробарӣ дар иззату эҳтиром: «То ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон ки Падарро эҳтиром мекунанд» (о. 23); 6) Баробарӣ дар ҳуқуқи додани ҳаёти ҷовидонӣ: «... ҳар кӣ сухани Маро шунавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад» (о. 24.25); 7) Баробарӣ дар худмавҷудият: «Зеро, ҳамчунон ки Падар дар Худ ҳаёт дорад, ба Писар низ ончунон ато кардааст, ки дар Худ ҳаёт дошта бошад» (о. 26).*[12]

### В. Исо даъвои ба Худо баробар будани Худро ҳимоя мекунад (5,19-29)

**5,19** Наҷотдиҳанда то андозае бо Худо Падар ҳаётан вобаста буд, ки мустақилона амал карда наметавонист. Ин чунин маъно надорад, ки Ӯ тавон надошт ҳеҷ кореро Худаш анҷом диҳад. Ӯ ба андозае бо Худо зич алоқаманд буд, ки фақат он чиро, ки *Падари* Ӯ мекунад, карда метавонист. Агарчи Худованд мегуфт, ки ба Падар баробар аст, Ӯ мустақилиятро талаб

намекард. Ӯ мустақил нест, агарчи Ӯ бо Худо комилан баробар аст.

Худованд Исо, бешубҳа, мехост, ки яҳудиён оид ба Ӯ чун оид ба Оне ки бо Худо баробар аст, фикр кунанд. Ғайриимкон мебуд одами одӣ гӯяд, ки вай ҳамон чизеро *ба амал меоварад,* ки Худи Худо мекунад. Исо изҳор менамояд, ки он чиро ки Падар мекард, дидааст. Барои чунин гуфтан Ӯ мебоист доимо имкони воридшавӣ ба ҳузури Падар дошта бошад ва ҳамаи он чиро, ки дар осмон ба амал меояд, донад. Аммо Ӯ ҳамчунин мегӯяд, ки *он чи бинад, ки Падар ба амал меоварад,* Ӯ ҳамонро мекунад. Ин, бешубҳа, изҳори бо Худо баробар будани Ӯст. Ӯ пурқудрат аст.

**5,20** Хусусияти муҳаббати Падар ба Писари Худ дар он аст, ки Ӯ *ҳар он чи Худаш мекунад, ба Писар нишон медиҳад.* Ин *ҳар он чиро* Исо на танҳо медид; Ӯ тавоноӣ дошт инро ба амал оварад. Сипас Наҷотдиҳанда гуфт, ки Худо ба Ӯ *корҳои бузургтар аз инро* нишон медиҳад, ва ҳама *ҳайрон мешаванд.* Яҳудиён аллакай дида буданд, ки Худованд Исо мӯъҷизаҳо ба амал меорад. Худи ҳозир онҳо шоҳиди он буданд, ки Худованд Исо шахсеро шифо дод, ки 38 сол боз бемор буд. Аммо онҳо мӯъҷизаҳои бузургтареро хоҳанд дид. Чунин мӯъҷизаи аввалин растохези мурдагон хоҳад буд (о. 21). Дуюм – доварӣ бар инсоният (о. 22).

**5,21** Тасдиқи равшани дигаре низ оид ба баробарии Писар бо Падар ҳаст. Яҳудиён Исоро дар он айбдор мекарданд, ки Ӯ даъвои баробарӣ бо Худо мекунад. Ӯ инро инкор намекард, балки далелҳои асоснок меовард, ки Ӯ ва Падар як ҳастанд. *Зеро, ҳамчунон ки Падар мурдагонро бармехезонад ва зинда мегардонад, Писар низончунон ҳар киро хоҳад, зинда мегардонад.* Агар Ӯ одами одӣ мебуд, оё чунин гуфта метавонист? Савол ҷавоб низ мебошад.

**5,22** Аҳди Нав таълим медиҳад, ки Худо *Падар тамоми довариро ба Писари* Худ *супурдааст.* Барои доварӣ кардан Исо бояд ҳатман дониши мутлақ ва адолати комил дошта бошад. Ӯ бояд андешаҳо ва хоҳишҳои дилҳои одамиро фарқ карда тавонад. Ғайриодист, ки Оне ки тамоми рӯи заминро доварӣ хоҳад кард, назди яҳудиён истода далелҳои қудрати Худро оварад, дар ҳоле ки ки онҳо хоҳ-нохоҳ Ӯро эътироф намекунанд!

**5,23** Ин ҷо фаҳмонда мешавад, ки чаро Худо ба Писари Худ қудрати зинда кардани мурдагон ва доварӣ кардани ҷаҳонро дод. Сабаб чунин аст: *То ки ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон ки Падарро эҳтиром мекунанд.* Дар Навиштаи Муқаддас ин изҳори муҳимтарин ва яке аз далелҳои возеҳтарини илоҳияти Худованд Исои Масеҳ аст. Аз Навиштаи Муқаддас мо медонем, ки фақат ба Худо саҷда кардан мумкин аст. Дар Даҳ фармуда ба одамон манъ шуда буд, ки ғайр аз ягона Худои ҳақиқӣ ба худои дигаре саҷда кунанд. Акнун мо мефаҳмем, ки *ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон ки Падарро эҳтиром мекунанд.* Аз ин оят мо танҳо як хулоса бароварда метавонем: Исои Масеҳ Худост.

Бисёр одамон мегӯянд, ки Худоро мепарастанд, аммо дар айни ҳол инкор мекунанд, ки Исои Масеҳ Худост. Онҳо мегӯянд, ки Ӯ одами бузург буд ё аз ҳамаи онҳое ки дар рӯи замин зистаанд, бештар ба Худо монанд буд. Аммо ин оят байни Исо ва Худо баробарии мутлақ мегузорад ва талаб мекунад, ки одамон Ӯро ончунон эҳтиром кунанд, ки Худо Падарро эҳтиром мекунанд. *Касе ки Писарро эҳтиром накунад, Падарро ... эҳтиром накардааст.* Агар муҳаббат ба Худованд Исои Масеҳ набошад, оид ба муҳаббат ба Худо сухан рондан бефоида аст. Агар шумо пештар ҳеҷ гоҳ кӣ будани Исои Масеҳро намефаҳмидед, оид ба ин оят бо диққат мулоҳиза намоед. Фаромӯш накунед, ки ин Каломи Худост, ва ҳақиқати пурҷалолро оид ба он ки Исои Масеҳ Худои таҷассумшуда аст, қабул намоед.

**5,24** Аз оятҳои пештара мо донистем, ки Худованд Исо қуввати зинда кардан дошт ва тамоми доварӣ ба Ӯ супурда шудааст. Ин ҷо мо мефаҳмем, ки чӣ тавр ҳаётӣ рӯҳониро аз Ӯ ба даст овардан ва аз *доварӣ* раҳоӣ ёфтан мумкин аст.

Ин яке аз оятҳои маълумтарини Навиштаи Муқаддас аст, ки Хушхабарро эълон менамояд. Бисёр одамон ба воситаи он ҳаёти ҷовидонӣ пайдо намудаанд. Бешубҳа, сабаби чунин муҳаббати бузург дар он аст, ки ин оят роҳи наҷотро возеҳ муайян менамояд. Худованд Исо оятро бо суханони *«Ба ростӣ, ба ростӣ»* сар карда, диққатро ба аҳамиятнокии он чи гуфтанӣ буд, ҷалб мекунад. Сипас Ӯ шахсан аз Худ илова мекунад: «ба шумо мегӯям». Писари Худо ин ҷо шахсан ба ҳар яки мо муроҷиат мекунад.

*«Ҳар кӣ сухани Маро шунавад»*. Шунидани сухани Исо на танҳо шунидан, балки ҳамчунин қабул кардан, бовар кардан ва итоат кардан ба он аст. Бисёр одамон Инҷилро, ки мавъиза карда мешавад, мешунаванд, аммо ба он итоат намекунанд. Ин ҷо Худованд мегӯяд, ки одам бояд таълимоти Ӯро чун аз Худо бармеомада қабул кунад ва бовар намояд, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи ҳақиқии ҷаҳон аст.

*«Ва ба Фиристандаи Ман имон оварад»*. Ин масъалаи имон ба Худост. Аммо оё ин суханон маънои онро доранд, ки одам фақат аз рӯи имон ба Худо наҷот меёбад? Бисёриҳо мегӯянд, ки ба Худо бовар мекунанд, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ тавба накардаанд ва сӯи Худо бозгашт нанамудаанд. Фикр чунин аст: мо бояд ба Худое имон дошта бошем, ки ба ҷаҳон Худованд Исои Масеҳро фиристод. Ба чӣ бояд бовар кунем? Бояд бовар кунем, ки Худо Худованд Исоро *фиристод,* то Наҷотдиҳандаи мо шавад. Ба он чи Худо оид ба Худованд Исо мегӯяд, бовар кардан лозим аст: Ӯ Наҷотдиҳандаи ягона аст, ва гуноҳкорон фақат ба воситаи қурбонии Ӯ дар Ҷолҷолто раҳоии пурра пайдо карда метавонанд.

*«Ҳаёти абадӣ дорад»*. Таваҷҷуҳ намоед, ин ҷо гуфта нашудааст, ки одам ҳаёти ҷовидонӣ хоҳад дошт, балки аллакай онро *дорад*. *Ҳаёти абадӣ* ҳаёти Исои Масеҳ аст. Ин на фақат ҳаётест, ки ҷовидона давом мекунад, балки ҳаёт дар сатҳи баландтар аст. Ин ҳаёти Наҷотдиҳанда аст, ки ба имондорони Ӯ дода шудааст. Ин ҳаёти рӯҳонист, ки шахс ҳангоми аз олами боло таваллуд шудан ба даст овардааст, бар хилофи ҳаёти табиӣ, ки вай онро ҳангоми таваллуди табиӣ доро шудааст.

*«Ва ба доварӣ намеояд»*. Фикр ин ҷо чунин аст: вай акнун сазовори маҳкумият нест ва дар оянда низ ҳеҷ гоҳ маҳкум карда намешавад. Касе ки ба Худованд Исои Масеҳ имон дорад, аз *доварӣ* озод аст, зеро Масеҳ дар Ҷолҷолто барои гуноҳҳои вай ҷазо дид. Худо барои гуноҳҳо дубора ҷазо талаб намекунад. Масеҳ гуноҳҳои моро ба ҷои мо ба дӯш гирифт, ва ин кофист. Ӯ корро анҷом дод, ва ба он чизе илова кардан имкон надорад. Масеҳӣ ҳеҷ гоҳ барои гуноҳҳояш ҷазо дода намешавад.[13]

*«Балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст»*. Касе ки ба Масеҳ имон дорад, аз ҳолати *марги* рӯҳонӣ ба ҳолати *ҳаёти* рӯҳонӣ гузаштааст. То гузариш вай дар ҷиноятҳо ва гуноҳҳо мурда буд. Вай барои муҳаббат ва мушоракат бо Худо мурда буд. Ба Исои Масеҳ бовар карда, вай дорои Рӯҳи Худо шуда, ҳаёти илоҳӣ ба даст меорад.

**5,25** Бори сеюм дар ин боб ва бори ҳафтум дар ин Инҷил Худованд ифодаи *«ба ростӣ, ба ростӣ»*-ро истифода бурдааст. *Соате мерасад, ва акнун расидааст* гуфта, Худованд вақти ба арсаи таърих баромадани Худро дар назар дорад.

Дар ин оят оид ба кадом *мурдагон* гуфта мешавад? Киҳоянд онҳое ки *овози Писари Худоро мешунаванд, ва ҳар кӣ шунавад, зинда мегардад?* Албатта, ин онҳое мебошанд, ки Худованд дар рӯзҳои хизмати Худ аз мурдагон мехезонад. Аммо ин оят маънои васеътаре низ дорад. *Мурдагоне* ки ин ҷо зикр мешаванд, онҳое мебошанд, ки дар гуноҳҳо ва ҷиноятҳо мурда ҳастанд. Ҳангоме ки Инҷил мавъиза карда мешавад, онҳо *овози Писари Худоро мешунаванд.* Хушхабарро қабул карда ва Наҷотдиҳандаро соҳиб шуда, онҳо аз марг ба ҳаёт мегузаранд.

Барои тасдиқи фикр оид ба он ки дар ояти 25 на чизи моддӣ, балки рӯҳонӣ дар назар дошта шудааст, мо дар чӣ мувофиқат ва ё фарқ доштани ин оятро аз оятҳои 28.29 зикр мекунем:

| Ояти 25 | Оятҳои 28.29 |
|---|---|
| *«Аз марг ба ҳаёт»* | *«Аз марг ба ҳаёт»* |
| *«Соате мерасад ва аллакай расидааст»* | *«Соате мерасад ва аллакай расидааст»* |
| *«мурдагон»* | *«ҳамаи онҳое ки дар қабр мебошанд»* |
| *«овозро мешунаванд»* | *«овози Ӯро хоҳанд шунид»* |
| *«ва ҳар кӣ бишнавад».* | *«берун хоҳанд омад»* |
| | *«зинда гардад».* |

**5,26** Ин оят мефаҳмонад, ки одам ҳаётро аз Худованд чӣ гуна ба даст оварда метавонад. *Ҳамчунон ки Падар* сарчашмаи *ҳаёт* ва диҳандаи он аст, *ба Писар низончунон ато кардааст, ки дар Худ ҳаёт дошта бошад* ва онро ба дигарон дода тавонад. Ин боз як тасдиқи равшани илоҳияти Масеҳ ва баробарии Ӯ бо Падар аст. Дар бораи ҳеҷ як одам гуфтан мумкин нест, ки вай дар худ ҳаёт дорад. Ба ҳар яки мо ҳаёт дода шуда буд, аммо он ҳеҷ гоҳ ба Падар ё ба Худованд Исо дода нашуда буд. Онҳо ҳаёти ҷовидонӣ доранд, ки дар Онҳо сокин аст. Ин ҳаёт ҳеҷ гоҳ ибтидо надошт. Он ҳеҷ гоҳ берун аз Худи Онҳо сарчашмае надошт.

**5,27** Худо на танҳо ба Писар дар Худ ҳаёт доштанро ато кардааст, балки ҳамчунин *ба Ӯ қудрат додааст,* ки доварӣ кунад. Қудрати доварӣ кардан ба Исо барои он *дода шудааст,* ки *Ӯ Писари Одам аст.* Худованд Писари Худо ва низ *Писари Одам* номида шудааст. Номи Писари Одам ба мо ёдрас менамояд, ки Худованд Исо яке аз аъзоёни Ваҳдати Сегона, яке аз Шахсиятҳои Илоҳият аст. Чун Худо Писар Ӯ бо Падар ва Рӯҳулқудс баробар аст, ва чун Писари Худо Ӯ ҳаёт ато мекунад. Аммо Ӯ *Писари Одам* низ ҳаст. Ӯ ба ин ҷаҳон чун Одам омад, ин ҷо байни одамон зиндагӣ кард ва бар ивази мардону занон дар салиб мурд. Ӯ ба ҷаҳон чун Одам омада, рад карда шуд ва бо азобу шиканҷаҳо кушта шуд. Аммо як вақте Ӯ боз меояд, то ки душманонашро доварӣ кунад, ва дар он ҷаҳоне ки замоне бо Ӯ бераҳмона рафтор карданд, сазовори иззату ҳурмат мешавад. Азбаски Ӯ ҳам Худо ва Ҳам Одам аст, Ӯ Довари комил аст.

**5,28** Дар хусуси бо Худо баробар будани Худ равшан ва боварибахш изҳор намудани Масеҳро шунида, яҳудиён ҳайрон шуданд. Исо медонист, ки дар сарҳои онҳо чӣ фикрҳо пайдо мешуданд, бинобар ин Ӯ ба онҳо гуфт, ки *ҳайрон нашаванд.* Сипас Ӯ назди онҳо ҳақиқати боз ҳам ҳайратоварро ошкор намуд. Замоне фаро хоҳад расид, ки *ҳамаи онҳое ки* ҷисмҳояшон *дар гӯр мебошанд, овози Ӯро мешунаванд.* Агар Ӯ Худо намебуд, аз забони Ӯ шунидани пешгӯӣ оид ба ҷисмҳои дар гӯрҳо хобида, ки рӯзе овози Ӯро хоҳанд шунид, аблаҳона мебуд! Фақат Худо метавонад ин гуна изҳоротро тасдиқ намояд.

**5,29** Ҳамаи мурдагон ягон вақт бармехезанд. Баъзеҳо барои *ҳаёт* бармехезанд, дигарон – барои *доварӣ.* Чӣ ҳақиқати муҳимест: ҳар шахсе ки замоне зистааст ё хоҳад зист, ба яке аз ин ду гурӯҳ тааллуқ хоҳад дошт![14]

Ояти 29 таълим намедиҳад, ки некӯкорон барои корҳои неки худ наҷот меёбанд ва бадкирдорон барои зиндагии бадкоронаи худ маҳкум карда мешаванд. Одам бо рафтори нек наҷот ёфта наметавонад, балки вай аз он сабаб корҳои нек мекунад, ки наҷот ёфтааст. Корҳои нек на асоси наҷот, балки самари он мебошанд. Онҳо на сабаб, балки натиҷа мебошанд. Калимаи *«бадкорон»* ба онҳое дахл дорад, ки ҳеҷ гоҳ ба Худованд Исо бовар надоштанд ва боварӣ накарда буданд, ва бинобар ин ҳаёташон дар фаҳмиши Худо *бадкорӣ* буд. Онҳо бармехезанд, то ба ҳузури Худо биистанд ва ба марги ҷовидонӣ маҳкум шаванд.

## Г. Чор шаҳодате ки Писари Худо будани Исоро тасдиқ мекунанд (5,30-47)

**5,30** Дар назари аввал *«Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам»* аз он шаҳодат медиҳад, ки Худованд Исо ҳеҷ кореро Худаш карда наметавонад. Аммо ин тавр нест. Ин ҷо фикр дигар аст: Исо бо Худо Падар чунон зич алоқаманд аст, ки алоҳида амал карда наметавонад. Ӯ ҳеҷ кореро бо иродаи Худ карда наметавонад. Наҷотдиҳанда ҳеҷ гоҳ худсарона рафтор накардааст. Ӯ дар итоати пурра ба Падари Худ, мувофиқи хости Ӯ ва дар ҳамоҳангӣ бо Ӯ амал мекард.

Муаллимони дурӯғин аксаран ин оятро истифода бурда, нуқтаи назари худро тасдиқ мекунанд, ки Исои Масеҳ Худо набуд. Онҳо мегӯянд: азбаски Ӯ ҳеҷ кореро Худаш карда наметавонист, Ӯ фақат одам аст. Аммо оят тамоман чизи дигарро баён мекунад. Одамон ҳар чи хоҳанд, карда метавонанд, новобаста ба он ки ин бо хости Худо мувофиқ аст ё не. Исо Ҳамоне буд, ки ҳаст, яъне Худованд, ва аз ин рӯ чунин амал карда наметавонист. Ва ин ҷо сабаб на ҷисмонӣ, балки ахлоқист. Қувваи ҷисмонии Ӯ барои ҳама кор кофӣ буд, аммо Ӯ кори нодурустро карда наметавонист; ва ҳар он чи хилофи хости Худост, барои Ӯ нодуруст буд. Ин изҳор Худованд Исоро аз ҳамаи одамоне ки замоне зистаанд, фарқ мекунонад.

Худованд Исо ба Падари Худ гӯш меандохт ва ҳамарӯза аз Ӯ нишондодҳо мегирифт, ва дар айни замон Худаш фикр мекард, меомӯхт ва амал мекард. «Доварӣ мекунам» ин ҷо на ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, балки, аниқтараш, ба қароре дахл дорад, ки Ӯ бояд чӣ гуна рафтор кунад ё гӯяд.

Азбаски Наҷотдиҳанда ҳеҷ сабаби водоркунандаи худхоҳона надошт, Ӯ метавонист масъалаҳоро одилона ва беғаразона ҳал намояд. Хоҳиши ягонаи Ӯ писанд омадан ба Падари Худ ва иҷро намудани хости Ӯ буд. Дар ин ҷода ҳеҷ чиз ба Ӯ монеъ шуда наметавонист. Барои ҳамин ҳам ба муҳокимаронии Ӯ оид ба ашё андешаҳои манфиати шахсӣ таъсир надоштанд. Ақидаҳо ва таълимоти мо бошанд

умуман ба он вобастаанд, ки мо чӣ гуна рафтор карданӣ ва ба чӣ бовар карданӣ ҳастем. Аммо дар Писари Худо ҳама чиз дигар хел буд. Ақидаҳо ва муҳокимарониҳои Ӯ ба манфиати Худаш моил набуданд. Ӯ аз ғаразнокӣ пок буд.

**5,31** Дар оятҳои баъдинаи ин боб Худованд Исои Масеҳ шаҳодатҳои гуногуне овард, ки илоҳияти Ӯро тасдиқ мекунанд. Оид ба Ӯ Яҳёи Таъмиддиҳанда шаҳодат дода буд (о. 32-35), корҳояш шаҳодат медоданд (о. 36), Падари Ӯ шаҳодат медод (о. 37.38) ва Навиштаҳои Аҳди Қадим шаҳодат медоданд (о. 39-47).

Дар аввал Исо оид ба шаҳодат изҳороти умумӣ кард. Ӯ гуфт: *«Агар Ман бар Худ шаҳодат диҳам, шаҳодати Ман рост нест»*. Ин тамоман маънои онро надорад, ки Худованд метавонист чизе бигӯяд, ки рост нест. Аниқтараш, Ӯ қайд намуд, ки шаҳодати як кас дар доварӣ далели кофӣ нест. Мувофиқи муқарраротӣ Худо, барои тафтишоти асосноки доварӣ на камтар аз ду ё се шаҳодат лозим аст. Ҳамин тариқ, Худованд Исо барои тасдиқи илоҳияти Худ на ду ё се, балки чор шаҳодат пешниҳод карданӣ буд.

**5,32** Оид ба он ки ин оят ба кӣ дахл дорад, ақидаҳои гуногун ҳастанд: ба Яҳёи Таъмиддиҳанда, Худо Падар ё Рӯҳулқудс. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки бо калимаи *«дигаре»* Яҳёи Таъмиддиҳанда дар назар дошта шудааст ва ин оят бо се ояти баъдина алоқаманд аст. Дигарон чунин меҳисобанд, ки Худованд ин ҷо оид ба *шаҳодате* мегуфт, ки Рӯҳулқудс оид ба Ӯ дорад. Мо чунин ақида дорем, ки *«вай»* ин ҷо *шаҳодати* Падарро дар назар дошт.

**5,33** Худованд бузургтарини шоҳидон, Падари Худро пешниҳод намуда, сипас ба шаҳодати *Яҳё* рӯ овард. Ӯ ба яҳудиёни беимон ёдрас намуд, ки онҳо *назди Яҳё* одамонро *фиристода* буданд, то суханони вайро шунаванд ва тамоми шаҳодати Яҳё оид ба Худованд Исо буд. Ба ҷои он ки ба одамон сӯи худ ишора кунад, вай ба онҳо сӯи Наҷотдиҳанда ишора намуд. Вай оид ба Он Касе *шаҳодат* дод, ки *ростӣ* аст.

**5,34** Худованд Исо ба шунавандагонаш ёдрас намуд, ки ки даъвои баробарии Ӯ бо Худо на танҳо дар *шаҳодати* одамон асос ёфтааст. Агар ин шаҳодати ягона мебуд, вазъияти Ӯ дар ҳақиқат ноумедона мебуд. Аммо Ӯ ба шаҳодати Яҳёи Таъмиддиҳанда истинод овард, зеро вай шахси аз ҷониби Худо фиристодашуда буда, шаҳодат медод, ки Худованд Исо Масеҳи ҳақиқӣ ва Барраи Худо буда, гуноҳҳои ҷаҳонро ба Худ мегирад.

Сипас Ӯ илова намуд: *«... вале ин суханонро мегӯям, то шумо наҷот ёбед»*. Чаро Худованд Исо бо яҳудиён чунин гуфтугӯи тӯлонӣ кард? Оё Ӯ ба онҳо нишон доданӣ буд, ки ҳақ ба ҷониби Ӯст ва онҳо ноҳақанд? Не, Ӯ дар назди онҳо ин ҳақиқатҳоро мекушод, то онҳо фаҳмида тавонанд, ки Ӯ Кист, ва Ӯро чун Наҷотдиҳандаи ваъдашуда қабул карда тавонанд. Ин оят ба мо дили пурмуҳаббат ва раҳмдили Худованд Исоро равшан нишон медиҳад. Ӯ бо онҳое гап мезад, ки Ӯро бад медиданд, ва ба наздикӣ барои куштани Ӯ ҳама гуна имкониятҳоро ҷустуҷӯ мекунанд. Аммо дар дили Ӯ нисбати онҳо ҳеҷ нафрате набуд. Ӯ фақат онҳоро дӯст дошта метавонист.

**5,35** Ин ҷо Худованд ба Яҳёи Таъмиддиҳанда чун ба *чароғе ки месӯхт ва медурахшид,* арзи эҳтиром мекунад. Бо ин дар назар дошта мешуд, ки Яҳё хизмати худро бо саъю кӯшиш ба ҷо меовард, ва ин хизмат ба дигарон *нур* овард, ва худро баҳри он сарф намуд, ки ба одамон сӯи Исо ишорат намояд. Дар аввал халқи Исроил ба назди Яҳёи Таъмиддиҳанда меомад. Вай як шахсияти ғайриодӣ буд, ки ба ҳаёти онҳо дохил шуд, ва онҳо барои шунидани вай ба наздаш меомаданд. *Соате* (муддати каме) онҳо вайро чун муаллими машҳури динӣ қабул мекарданд.

Чаро Яҳёро чунин гарму ҷӯшон қабул карда, онҳо Он Касеро, ки Яҳё дар борааш мавъиза мекард, қабул накарданд? Шодии онҳо муваққатӣ буд, он боиси ҳеҷ гуна тавба нашуд. Дар амалҳои онҳо пайдарҳамӣ набуд. Онҳо саромадро қабул карданд, аммо онҳо

Подшоҳро қабул намекунанд! Исо ба Яҳё баҳои баланд дод. Ҳангоме ки Худи Писари Худо касеро *чароғе ки месӯхт ва медурахшид* меномад, ин таърифу таҳсини ҳақиқист. Пас бигузор ҳар кӣ Худованд Исоро дӯст медорад, кӯшиш кунад, то барои Ӯ оташи равшане бошад, ки месӯзад, аммо ба ин ҷаҳон нур меоварад.

**5,36** *Шаҳодати* Яҳёро шаҳодати калонтарини илоҳияти Масеҳ ҳисобидан мумкин нест. Муъҷизаҳое ки Падар имкон дод, то Исо ба амал оварад, ҳамчунин оид ба Ӯ *шаҳодат* медоданд, ки *Падар* ҳақиқатан Ӯро *фиристодааст.* Худ аз худ муъҷизаҳо ҳанӯз далели

илоҳият нестанд. Дар Навиштаи Муқаддас мо оид ба одамоне мехонем, ки ба онҳо қуввати муъҷиза ба амал овардан дода шуда буд ва ҳатто оид ба махлуқҳои баде ки қуввати ба амал овардани чизҳои фавқуттабиӣ доштанд. Аммо муъҷизаҳои Худованд Исо аз муъҷизаҳои дигар фарқ доштанд. Аввалан, Ӯ барои офаридани ин корҳои пурқудрат дар Худ қувват дошт, дар ҳоле ки ба дигарон ин қувва дода шуда буд. Одамони дигар муъҷизаҳо ба амал меоварданд, аммо қувваи худро ба дигарон дода наметавонистанд. Худованд Исо на танҳо Худ муъҷиза меофарид, балки ба шогирдонаш низ қудрат дод, ки онҳо низ ҳамонро ба амал оваранд. Сониян, ҳамаи он чи Наҷотдиҳанда ба амал меовард, бо пешгӯиҳои Аҳди Қадим оид ба Масеҳ пурра мувофиқат мекард. Ва сеюм, муъҷизаҳое ки Худованд Исо меофарид, аз ҷиҳати хислат, миқёс ва миқдор беҳамто буданд.

**5,37-38** Боз ҳам Худованд оид ба шаҳодати *Падари* Худ мегӯяд. Шояд, ин ҷо вақте дар назар дошта шудааст, ки Худованд Исо таъмид гирифт. Он вақт овози Худо аз осмон хабар дод, ки Исо Писари дӯстдоштаи Ӯст ва ҳусни таваҷҷуҳаш дар Ӯст. Аммо бояд илова намуд, ки Падар бо ҳаёт, хизмат ва муъҷизаҳои Исои Масеҳ ҳамчунин оид ба он шаҳодат медод, ки Исо ҳақиқатан Писари Худост.

*Яҳудиёни беимон* ҳаргиз на овози Ӯро шунидаанд ва на сурати Ӯро дидаанд. *Ин барои он буд, ки* каломи Ӯ дар дилҳои *онҳо* ҷой надошт. *Худо бо одамон ба воситаи* Каломи Худ, Навиштаи Муқаддас, гап мезанад. Яҳудиён Навиштаҳои Аҳди Қадимро доштанд, аммо онҳо ба Худо имкон намедоданд, ки ба воситаи Навиштаи Муқаддас бо онҳо гап занад. Дилҳои онҳо сангин буданд, гӯшҳои онҳо барои шунидан маҳкам буданд.

Онҳо ҳеҷ гоҳ рӯи Худоро надида буданд, зеро ба Он Касе ки Худо *фиристодааст, имон намеоварданд.* Худо Падар рӯй ва шакли барои мо намоён надорад. Ӯ Рӯҳ аст, ва бинобар ин нонамоён аст. Аммо Худо Худро дар Одам – Худованд Исои Масеҳ – зоҳир намуд. Онҳое ки ба Масеҳ имон оварданд, рӯи Худоро бо чашмони худ диданд. Беимонон ба Ӯ фақат чун ба одами одие ки монанди онҳост, нигоҳ мекарданд.

**5,39** Қисми якуми ин оятро ду хел фаҳмидан[15] мумкин аст. Пеш аз ҳама, Худованд Исо метавонист ба яҳудиён фармояд, ки *Китобро тадқиқ кунанд.* Ё Ӯ фақат баён мекард, ки онҳо *Китобро тадқиқ карда,* умед доштанд, ки танҳо дорои Навиштаи Муқаддас будан ба онҳо *ҳаёти абадӣ* медиҳад. Ҳар ду тафсир имконпазир аст. Аз афташ, Худованд Исо фақат баён намуд, ки яҳудиён *Китобро* таҳқиқ намуда, гумон мекарданд, ки бо ин корашон *ҳаёти абадиро* доро мешаванд. Онҳо намефаҳмиданд, ки Аҳди Қадим оид ба омадани Масеҳ хабар дода, амалан оид ба Исои Масеҳ мегуфт. Фикр кардан даҳшатовар аст, ки одамоне ки Навиштаи Муқаддасро дар даст доштанд, то ин дараҷа нобино буда метавонистанд. Аммо он чиз бештар нобахшиданӣ буд, ки баъди гуфтугӯ бо Худованд Исо онҳо ҳанӯз ҳам Ӯро қабул кардан намехостанд. Ба қисми охири ин оят диққат диҳед: «*... он бар Ман шаҳодат медиҳад*». Ин фақат маънои онро дорад, ки мавзӯи асосии Аҳди Қадим омадани Масеҳ аст. Шахс ҳангоми тадқиқи Аҳди Қадим инро аз мадди назар дур карда, қисми муҳимтарини онҳо аз даст медиҳад.

**5,40** *Яҳудиён намехостанд назди Ӯ биёянд, то ҳаёт ёбанд.* Сабаби ҳақиқии Наҷотдиҳандаро қабул накардани одамон на дар он аст, ки онҳо Инҷилро фаҳмида наметавонанд ё ба Исо бовар карданро имконнопазир меҳисобанд. Дар Худованд Исо ҳеҷ чизе нест, ки бовари ба Ӯро имконнопазир мекарда бошад. Сабаби асосӣ дар худи иродаи одам аст. Вай гуноҳҳои худро беш аз Наҷотдиҳанда дӯст медорад. Вай корҳои бади худро тарк кардан намехоҳад.

**5,41** Яҳудиёнро барои Ӯро қабул кардан нахостанашон маҳкум намуда, Худованд намехост, то онҳо фикр кунанд, ки бо иззат накардан ва *ҷалол* надоданашон Ӯро озурда мекунанд. Ӯ ба ҷаҳон на барои он омад, ки аз *мардуми* ин ҷаҳон ҷалол қабул кунад. Ӯ ба ҳамдгӯии онҳо эҳтиёҷ надошт ва танҳо таҳсини Падари Худро ҷӯё буд. Ҳатто агар одамон Ӯро рад мекарданд ҳам, ин наметавонист ҷалоли Ӯро кам кунад.

**5,42** Дар ин ҷо сабаби Писари Худоро қабул накардани одамон хулоса карда мешавад: Ин одамон *дар дили худ муҳаббати Худоро надоштанд,* яъне онҳо назар ба Худо худро бештар дӯст медоштанд. Агар онҳо Худоро дӯст медоштанд, онҳо Он Касеро, ки Худо фиристод, қабул мекарданд. Худованд Исоро

қабул накарда, онҳо нишон доданд, ки ба Падари Ӯ *муҳаббат* надоранд.

**5,43** Худованд Исо *ба номи Падар* омад, яъне барои амалӣ намудани хости Падари Худ, ҷалол додани Падари Худ ва дар ҳама чиз ба Падари Худ итоат кардан омад. Агар одамон ҳақиқатан Худоро дӯст медоштанд, онҳо Он Касеро низ дӯст медоштанд, ки ба Худо дар ҳама чизи мегуфта ва мекардааш писанд омадан мехост.

Сипас Исо пешгӯӣ кард, ки *дигаре ба номи худаш меояд ва* яҳудиён *вайро қабул мекунанд*. Шояд, *«дигаре»* гуфта, Ӯ муаллимони дурӯғини зиёдеро дар назар дорад, ки баъди Ӯ пайдо шуданд ва эътирофи оммаро хоҳон буданд. Эҳтимол, Ӯ асосгузорони оинҳои дурӯғинро дар назар дошт, ки баъди садсолаҳо пайдо шуданд, ва изҳор менамуданд, гӯё онҳо «масеҳҳо» мебошанд. Аммо бештар имконпазир аст, ки Ӯ ин ҷо оид ба зиддимасеҳ мегуфт. Рӯзе фаро мерасад, ки ҳокими номниҳод дар байни яҳудиён пайдо мешавад ва талаб мекунад, ки вайро чун Худоро парастиш кунанд (2Тас. 2,8-10). Бисёрии яҳудиён ин зиддимасеҳро чун ҳокими худ қабул мекунанд ва ба доварии сахтгиронаи Худо дучор мешаванд (1Юҳ. 2,18).

**5,44** Ин ҷо Худованд боз як сабаби аз қабули Ӯ сар печидани яҳудиёнро баён мекунад. Онҳо таҳсини одамонро беш аз таҳсини Худо хоҳон буданд. Онҳо метарсиданд, ки агар онҳо яҳудиятро тарк кунанд, дӯстонашон чӣ мегуфта бошанд. Онҳо аз таънаҳо ва уқубатҳое метарсиданд, ки агар онҳо аз пайи Худованд Исо раванд, ба сари онҳо фурӯ рехта метавонистанд. То даме ки одам аз он метарсад, ки дигарон ба вай чӣ мегӯяд ва чӣ мекунад, вай наҷот ёфта наметавонад. Одам бояд беш аз таҳсини ягон каси дигар таҳсини Худоро ҷӯё бошад, то ки ба Исои Масеҳ бовар карда тавонад. Одам *бояд эҳтиромеро, ки аз Худои ягона аст, ҷӯё* бошад.

**5,45** Ба Худованд лозим набуд, ки *назди Падар* яҳудиёнро айбдор кунад. Албатта, Ӯ метавонист зидди онҳо айбдоркуниҳои зиёде пешниҳод кунад. Аммо Ӯ ҳеҷ эҳтиёҷе надошт, ки ин корро кунад, чунки барои маҳкум намудани онҳо навиштаҳои *Мусо* кофӣ хоҳад буд. Яҳудиён бо Аҳди Қадим, хусусан бо Панҷкитоби *Мусо,* Таврот, фахр мекарданд. Онҳо аз он фахр мекарданд, ки ин Навиштаи Муқаддас ба Исроил дода шуда буданд. Аммо мушкилӣ дар он буд, ки онҳо ба суханони Мусо гӯш намеандохтанд, ва дар ояти 46 оид ба ин гуфта шудааст.

**5,46** Худованд Исо суханони Мусоро ба дараҷаи суханони Худ боэътибор медонист. Ба ёд оваред, ки «тамоми Навишта аз рӯи илҳоми илоҳист ...». Хоҳ Аҳди Қадимро хонем ва хоҳ Аҳди Наврo, мо худи Каломи Худоро мехонем. Агар яҳудиён ба суханони *Мусо* бовар мекарданд, онҳо ба Худованд Исои Масеҳ низ бовар мекарданд, зеро Мусо оид ба омадани Масеҳ *навиштааст*. Мисоли инро дар Такрори Шариат 18,15.18 пайдо мекунем:

«Пайғамбаре мисли ман аз миёни ту, аз бародарони ту Худованд Худоят барои ту ба майдон хоҳад овард; ба Вай гӯш диҳед ... Пайғамбаре, мисли ту, Ман барои онҳо аз миёни бародарони онҳо ба майдон меоварам, ва суханони Худро ба даҳони Вай мегузорам, ва ҳар он чи ба Вай амр фармоям, ба онҳо мегӯяд».

Дар ин оятҳо Мусо омадани Масеҳро пешгӯӣ намуд ва ба яҳудиён фармуд ки ҳангоме Вай меояд, ба Вай гӯш диҳанд ва итоат намоянд. Акнун Худованд Исо омад, аммо яҳудиён Ӯро қабул кардан нахостанд. Ана барои чӣ Ӯ гуфт, ки Мусо онҳоро дар назди Падар айбдор хоҳад кард: онҳо танҳо вонамуд мекарданд, ки ба суханони Мусо бовар мекунанд, аммо фармудаҳои вайро ба ҷо намеоварданд. Калимаҳои *«вай дар бораи Ман навиштааст»* изҳори равшани Худованди мо оид ба он аст, ки Навиштаҳои Аҳди Қадим дар бораи Ӯ пешгӯиҳо доранд. Августин инро мухтасар чунин тасвия намудааст: «Аҳди Нав дар Аҳди Қадим ниҳон аст; Аҳди Қадим дар Аҳди Нав ошкор мешавад».

**5,47** *Модоме ки* яҳудиён *ба навиштаҳои* Мусо *бовар накарданд*, аз эҳтимол дур аст, ки онҳо ба *суханони* Исо бовар кунанд. Байни Аҳди Қадим ва Аҳди Нав алоқаи зич ҳаст. Агар одам дар илҳоми илоҳӣ доштани Аҳди Қадим шубҳа дошта бошад, аз эҳтимол дур аст, ки вай суханони Худованд Исоро чун ваҳйи Худо қабул кунад. Агар одамон ба баъзе қисмҳои Навиштаи Муқаддас дармеафтода бошанд, пас муддати зиёде нагузашта, онҳо қисмҳои дигари Китобро низ зери шубҳа мегузоранд. Кинг менависад:

Худованд, албатта, Панҷкитоби Мусоро дар назар дорад – он қисми Навиштаи

Муқаддасро, ки беш аз ҳама дучори ҳуҷумҳои сахт мешуд; ва аҷиб аст, ки ин қисмро, ба андозае ки Навиштаҳо ба мо дастрасанд, Устод беш аз ҳама иқтибос меоварад. Гӯё пеш аз он ки ҳуҷумҳо сар шаванд, Ӯ ба ин розигии Худро дода бошад.[16]

## IV. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: ҶАЛИЛ (Б. 6)

### А. Муъҷизаи чорум: сер кардани панҷ ҳазор нафар (6,1-15)

**6,1** Ифодаи *«Пас аз он»* маънои онро дорад, ки баъди воқеаҳои дар боби 5-ум тасвиршуда муддате гузашт. Мо намедонем, ки чӣ қадар. Фақат ҳаминро медонем, ки *Исо* аз атрофи Уршалим ба сӯи кӯли Ҷалил раҳсипор шуд. Ҳангоме гуфта мешавад, ки Ӯ аз кӯл гузашт, ин, аниқтараш, маънои онро дорад, ки Ӯ аз соҳили шимолӣ-ғарбӣ ва соҳили шимолӣ-шарқӣ гузашт. *Кӯли Ҷалил* ҳамчунин чун *кӯли Табария* маълум аст, зеро дар соҳили ғарбии он шаҳри Табария воқеъ аст. Ин шаҳр, пойтахти вилояти Ҷалил, ба шарафи қайсари Рум Тибериюс номида шуда буд.

**6,2-3** *Мардуми зиёде аз паси Ӯ равона шуданд* на аз боиси он ки ҳамаи онҳо ба Ӯ чун ба Писари Худо бовар карданд, балки, аниқтараш, барои он ки *муъҷизаҳоеро, ки* бар *беморон* ба амал меоварад, *медиданд.* Имоне ки дар муъҷизаҳо асос ёфтааст, ҳеҷ гоҳ ба андозаи имоне ки танҳо дар Каломи Ӯ асос ёфтааст, ба Худо писанд нест. Каломи Худо барои тасдиқи худ ба муъҷизаҳо эҳтиёҷ надорад. Ҳамаи он чи Худо мегӯяд, ҳақиқат аст. Он ҳеҷ наметавонад дурӯғ бошад. Он бояд барои ҳар як одам кофӣ бошад. *«Исо ба кӯҳе баромад».* Ин ҷо кӯҳ метавонад маънои маҳалли теппадор, яъне маҳалли назди баҳрро дошта бошад.

**6,4** На он қадар равшан аст, чаро Юҳанно зикр намуд, ки *иди Песаҳи яҳудиён наздик буд.* Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки Худованд Исо Песаҳи яҳудиёнро дар назар дорад, ки ҳангоми он дар ин боб хабари фавқулода хуброо оид ба Нони ҳақиқии ҳаёт эълон менамуд. Ӯ дар ин иди Песаҳ ба Уршалим нарафт. Юҳанно *песаҳро иди яҳудиён* меномад. Ҳақиқатан, онро Худо дар Аҳди Қадим муқаррар намуда буд. Ӯ онро ба яҳудиён дод, ва ба ин маъно он *иди яҳудиён* буд. Аммо *«иди яҳудиён»* ҳамчунин метавонист онро ифода кунад, ки Худо дигар ин идро чун яке аз идҳои Худ намеҳисобид, зеро яҳудиён онро ба маросими одӣ табдил доданд, ки ҳеҷ маънои амиқ надошт. Он маънои ҳақиқии худро гум кард ва дигар иди Яҳува набуд.

**6,5** *Исо* аз *мардуми бисёр* ошуфта намешуд. Ӯ фикр намекард, ки онҳо оромии Ӯро халалдор мекунанд ё барои бо шогирдон гузарондани вақт халал мерасонанд. Фикри аввалини Ӯ бо хӯрок таъмин намудани одамон буд. Ҳамин тариқ, Ӯ ба *Филиппус* муроҷиат намуда, пурсид, ки аз куҷо *нон* харидан мумкин аст, то ин қадар одамони бисёр сер карда шаванд. Саволеро дода, Исо интизори ба даст овардани дониши иловагӣ набуд, Ӯ дигаронро таълим доданӣ буд. Ӯ ҷавобро медонист, Филиппус – не.

**6,6** Худованд ба Филиппус дарси хеле пурарзиш дода, имони вайро *озмуданӣ* буд. Худи Исо *медонист,* ки дар назди мардуми бисёр муъҷиза ба амал хоҳад овард. Аммо оё Филиппус мефаҳмид, ки Исо инро ба амал оварда метавонад? Имони Филиппус бузург буд ё хурд?

**6,7** Аз афташ, имони Филиппус ба қуллаҳои баландтарин намерасид. Вай зуд ҳисоб карда, қарор дод, ки ҳатто ба *дусад динор нон* харидан кифоят намекунад, то ба ҳар яке аз ҳозирон *андаке* расад. Мо аниқ намедонем, ки дар он вақт ба *дусад динор* чӣ қадар нон харидан мумкин буд, аммо, аз афташ, ин миқдори хеле зиёд буд. Мардикор он замон дар як рӯз як динор ба даст меовард.

**6,8-9** *Андриёс бародари Шимъуни Петрус* буд. Онҳо дар наздикии Байт-Сайдо, ки дар соҳили кӯли Ҷалил буд, мезистанд. Андриёс ҳамчунин шубҳа надошт, ки ин қадар одамонро сер кардан душвор аст. Вай бачаеро дид, ки *панҷ нони ҷав ва ду моҳӣ* дошт, аммо ҳис мекард, ки бо ин миқдор хӯрок рафъ намудани гуруснагии *ин қадар одам* қариб ғайриимкон аст. Ин писарак хӯрокии кам дошт, аммо мехост онро ба ихтиёри Худованд Исо диҳад. Дар натиҷаи ин некии вай ин воқеа дар ҳар чор Инҷил навишта шудааст. Вай кори каме кард, аммо «кам» бисёр мешавад, агар Худо дар он ҳозир бошад, ва ҳамин тавр вай дар тамоми ҷаҳон машҳур гашт.

**6,10** Худованд Исо ба одамон нишастанро (айнан: «качпаҳлӯ дароз кашанд») фармуда,

оид ба роҳати онҳо ғамхорӣ намуд. Диққат диҳед: Ӯ ҷоеро интихоб намуд, ки *сабза бисёр буд.* Дар он вилоят чунин ҷойро ёфтан он қадар осон нест, аммо Худованд оид ба он ғамхорӣ намуд, ки ин миқдор одамон дар ҷои тоза ва форам бошанд.

Зикр шудааст, ки *мардум* (дар тарҷумаи юнонӣ «мардон») ҳазорон нафар буданд, яъне он ҷо занону кӯдакон низ буданд. Миқдори *панҷ ҳазор* барои нишон додани он зикр мешавад, ки чӣ муъҷизаи азиме мебоист ба амал меомад.

**6,11** *Исо нонҳоро гирифта,* барои онҳо шукргузорӣ намуд. Агар Ӯ пеш аз тақсим намудани хӯрок ин корро карда бошад, пас мо низ бояд пеш аз хӯрок Худоро шукр гӯем! Сипас Ӯ хӯрокро *ба шогирдон дод.* Ин ҷо барои мо дарси аниқе ҳаст. Худованд Исо ҳама корро Худаш намекард. Ӯ хизматрасониро ба дигарон вогузор кард. Касе хуб гуфтааст: «Шумо он кореро кунед, ки карда метавонед; ман он кореро мекунам, ки ман карда метавонам; Худованд бошад он кореро мекунад, ки мо карда наметавонем».

Пеш аз он ки Худованд нонро *ба шогирдон дод,* он ба таври муъҷизаосо зиёд шуд. Лаҳзаи аниқи ба амал омадани он навишта нашудааст, аммо мо медонем, ки он панҷ нон ва ду моҳӣ ба таври ҳайратовар дар дастони Худованд кифоя буданд, то мардуми зиёде сер шаванд. Шогирдон *нон ва моҳиро ба нишастагон доданд.* Ҳама чиз фаровон буд, чунки аниқ гуфта шудааст: онҳо моҳиро низ *ба қадре ки хостанд,* тақсим карданд.

Гриффит Томас менависад, ки дар ин воқеа зебо тасвир шудаанд:

*а) ҷаҳоне ки ҳалок шуда истодааст;*

*б) шогирдони нотавон;*

*в) Наҷотдиҳандаи комил.*

*Ин муъҷиза амали воқеии офариниш буд. Ҳеҷ одами одӣ наметавонист панҷ нон ва ду моҳиро гирифта, ба қадре зиёд кунад, ки ин қадар мардумро сер кунад. Касе хуб гуфтааст: «Фасли баҳор буд, ҳангоме ки Ӯ нонро баракат дод, аммо ҳангоме ки Ӯ нонро пора кард, мавсими дарав фаро расид». Он низ ҳақиқат аст, ки «нон бе баракатдиҳӣ – нони афзуннашуда аст».*[17]

**6,12** Ин ҷо мо зоҳиршавии ҳассосии ҳайратоварро мебинем. Агар Исо одами одӣ мебуд, оид ба *пораҳои боқимонда* парвое намекард. Магар Касе ки панҷ ҳазорро сер карда метавонад, оид ба пораҳои боқимонда ғам мехӯрад! Аммо Исо Худост, ва Худо ҳеҷ исрофкориеро аз саховатҳои Худ роҳ намедиҳад. Ӯ намехоҳад, ки мо он чизи пурқиматеро, ки Ӯ ба мо додааст, гум кунем, бинобар ин доимо ба мо ёдрас мекунад, ки пораҳои боқимондаро бояд ҷамъ кард, *то ки чизе ҳайф нашавад.*

Бисёр касон ин муъҷизаро бо маънидодҳояшон инкор карданӣ мешаванд. Бисёрии ҳозирон, мегӯянд онҳо, писареро диданд, ки панҷ нон ва ду моҳии худро ба Исо дод. Онҳо дарк карданд, ки то кадом андоза худписанд буданд, ва қарор доданд, ки хӯрданиҳои худро бароварда бо ҳам бинанд. Ҳамин тариқ ҳар касро бо хӯрок таъмин кардан мумкин буд. Аммо ҳеҷ кадоме аз ин мулоҳизаҳо фактҳои дар ояти оянда зикршударо фаҳмонда наметавонад.

**6,13** Баъд аз он ки одамон хӯрданро бас карданд, аз пораҳои панҷ нон *дувоздаҳ сабадро* пур карданд. Агар ҳар кас ҳамроҳаш хӯрок медошт, ин қадар нон ҷамъ овардан ҳеҷ имкон намедошт. Маънидодҳои одамӣ хандаовар метобанд. Танҳо як хулоса баровардан мумкин аст: муъҷизаи азиме ба амал омад.

**6,14** Худи одамон иқрор шуданд, ки ин муъҷиза аст. Агар онҳо хӯроки худро мехӯрданд, ин тавр намегуфтанд. Онҳо ҳақиқатан боварӣ доштанд, ки ин муъҷизаест ва он тасдиқ мекунад, ки Исо *Он Пайғамбар аст, ки бояд ба ҷаҳон ояд.* Аз Аҳди Қадим онҳо оид ба омадани пайғамбар медонистанд ва касеро меҷустанд, ки онҳоро аз асорати империяи Рум раҳо кунад. Онҳо шоҳи заминиро интизор буданд. Аммо имони онҳо ҳақиқӣ набуд. Онҳо намехостанд розӣ шаванд, ки Исо Писари Худост, ва намехостанд гуноҳҳои худро эътироф кунанд ба Ӯро чун Наҷотдиҳанда қабул кунанд.

**6,15** Муъҷизаро дида, одамон хостанд Ӯро *подшоҳ кунанд.* Боз ҳам, агар Исо одами одӣ мебуд, албатта, бо хоҳиши онҳо розӣ мешуд. Одамон шавқманди бузургии худ ва ба мартабаи барҷаста расидан мебошанд. Аммо Исо аз ғурур ва фахр дур буд. Ӯ мефаҳмид, ки ба ҷаҳон барои он омадааст, то дар салиб чун Ивазкунандаи гуноҳкорон бимирад. Ӯ ҳеҷ кореро, ки мухолифи ин мақсад бошад, намекунад. Ӯ то даме ки ба қурбонгоҳ набарояд, ба тахт наменишинад. Ӯ пеш аз болобардор

шудан бояд уқубат кашад, хунашро бирезад ва бимирад. Мейер менависад:

*Чунон ки Бернарди муқаддас гуфтааст: ҳангоме ки Исоро подшоҳ карданӣ мешуданд, Ӯ ҳамеша дурӣ меҷуст, ва ҳангоме ки Ӯро ба салиб кашиданӣ буданд, ҳозир шуд. Доимо инро дар хотир дошта, биёед, шубҳа накарда, ба суханони Иттои Ҷаттӣ ҳамфикр шавем: «Қасам ба ҳаёти Худованд ва ба ҳаёти хоҷаам подшоҳ, ки ҳар ҷое ки хоҷаам подшоҳ, хоҳ дар марг ва хоҳ дар ҳаёт бошад, бандаи ту дар он ҷо мешавад» (2Сам. 15,21). Ва Ӯ, бешубҳа, ҳамон тавре ҷавоб медиҳад, ки Довуд ба гурезаи дигари барои ҷонибдории вай омада ҷавоб дод: «Назди ман бимон, натарс; зеро ҳар кӣ ҷони маро ҷӯяд, ҷони туро низ меҷӯяд; ту таҳти ҳимояи ман мешавӣ».*[18]

## Б. Муъҷизаи панҷум: Исо рӯи об қадам мезанад ва шогирдонашро халос мекунад (6,16-21)

**6,16-17** *Шомгоҳон* фаро расид. Исо танҳо ба кӯҳ рафт. Одамон, аз афташ, хона ба хона рафтанд, шогирдон худашон монданд. Онҳо қарор доданд, ки ба лаби кӯл фаромада ба гузаштан аз кӯли Ҷалил тайёрӣ бинанд.

Ва, ба киштӣ даромада, *ба он тарафи баҳр, сӯи Кафарнаҳум равона шуданд. Ва ҳаво торик шуд, ва Исо назди онҳо* набуд. Ӯ дар куҷо буд? Ӯ дар кӯҳ дуо мекард. Чӣ тасвири аниқе барои пайравони ҳозираи Масеҳ! Онҳо дар баҳри пурталотуми ҳаётанд. *Торик* аст. Худованд Исо дар ҳеҷ ҷой намоён нест. Аммо ин маънои онро надорад, ки Ӯ чӣ ҳодиса рӯй доданашро намедонад. Ӯ дар осмон буда, барои дӯстдоштагони Худ дуо мекунад.

**6,18** Дар кӯли Ҷалил тӯфонҳои ғайричашмдошт ва сахт мешаванд. Шамол бо суръати баланд аз водии Урдун меояд. Он ба кӯли Ҷалил расида, мавҷҳои баландро бармехезонад. Дар *кӯл* будани киштиҳои хурд дар чунин вақт бехатар нест.

**6,19** Шогирдон *тақрибан бисту панҷ ё сӣ стадия* (5 ё 6 километр) *киштӣ ронда буданд.* Аз нуқтаи назари одамӣ онҳо дар хатари калон буданд. Дар лаҳзаи даркорӣ онҳо нигоҳ карда, *Исоро диданд, ки бар кӯл қадам зада, ба киштӣ наздик меояд.* Ин ҷо боз як муъҷизаи ҳайратовар тасвир шудааст.

Писари Худо дар болои оби кӯли Ҷалил қадам мезанад. Шогирдон *тарсиданд,* зеро то охир дарк накарда буданд, ки ин Одами аҷиб кӣ буд.

Ба он диққат диҳед, ки ин воқеа чӣ тавр сода нақл карда шудааст. Юҳанно ба мо фактҳои аҷиберо нақл мекунад, аммо суханони дабдабанокро ба кор намебарад, то оид ба азамати ҳодиса таассурот бахшад. Вай бо худдорӣ фактҳоро баён мекунад.

**6,20** Сипас Худованд Исо суханони ҳайратовари тасаллобахш гуфт: *«Ин Манам, натарсед».* Агар Ӯ фақат одам мебуд, ин онҳоро сахт ҳаросон мекард. Аммо Ӯ Офаридгори пурқудрат ва Нигоҳдорандаи олам аст. Ҳангоме ки Ӯ дар назди онҳост, онҳо набояд аз чизе тарсанд. Ӯ, ки замоне кӯли Ҷалилро офарида буд, метавонист ба мавҷҳо фармояд, то ором шаванд ва ба шогирдони ҳаросоншудаи Худ ёрӣ диҳад, то бе хатар ба соҳил расанд. Суханони «Ин Манам» айнан «МАН ҲАСТАМ»-ро ифода мекунанд. Бори дуюм дар Инҷили Юҳанно Исо нисбати Худ номи Яҳуваро ба кор бурд.

**6,21** Шогирдон фаҳмиданд, ки ин Худованд Исо мебошад, ва хостанд Ӯро *ба киштӣ дароваранд.* Ва *ҳамон дам* киштӣ ба соҳиле ки сӯи он равона буданд, расид. Ин ҷо боз як муъҷизае ба амал омад, ки маънидод карда намешавад. Онҳо дигар набояд бел мезаданд. Худованд Исо фавран онҳоро ба *соҳил* расонд. Ин чӣ Шахсияти аҷибест!

## В. Одамон аломат меҷӯянд (6,22-34)

**6,22** Дар ин оятҳо рӯзе тасвир ёфтааст, ки баъди сер кардани панҷ ҳазор нафар фаро расид. *Мардум* ҳанӯз дар соҳили шимолӣ-шарқии кӯли Ҷалил буданд. Одамон дида буданд, ки бегоҳӣ шогирдон ба *киштӣ* медаромаданд, ва медонистанд, ки *Исо* ҳамроҳи онҳо нарафта буд. Танҳо як киштӣ он вақт дар соҳил буд ва *шогирдон* онро истифода бурда буданд.

**6,23** Рӯзи дигар *наздики ҳамон ҷое ки* Худованд Исо бисёр одамонро сер кард, аз *Табария киштиҳои* дигар омаданд. Аммо Худованд наметавонист бо ҳеҷ кадоми онҳо рафта бошад, чунки онҳо худи ҳозир омада буданд. Эҳтимол, чунон ки дар оятҳои оянда навишта

шудааст, дар ин киштиҳо одамон аз кӯл гузашта, ба Кафарнаҳум омаданд.

**6,24** Одамон доимо аз пайи Исо мушоҳида мекарданд. Онҳо медонистанд, ки Ӯ барои дуо кардан ба кӯҳ рафта буд. Онҳо медонистанд, ки Ӯ ҳамроҳи шогирдоне ки аз кӯл гузаштанд, ба киштӣ надаромада буд. Аммо рӯзи оянда Ӯро дар ҳеҷ ҷой пайдо карда наметавонистанд. Онҳо қарор доданд аз кӯл гузашта ба *Кафарнаҳум* расанд, ки шогирдон дар он ҷо буда метавонистанд. Онҳо тахмин карда наметавонистанд, ки *Исо* чӣ хел ба он ҷо расида бошад, аммо дар ҳар сурат қарор доданд Ӯро ҷустуҷӯ кунанд.

**6,25-26** Ба Кафарнаҳум омада, *Ӯро* дар он ҷо *ёфтанд*. Онҳо кунҷковии худро пинҳон карда натавониста, пурсиданд, ки Ӯ кай омадааст.

*Исо* ба саволи онҳо *ҷавоби* рӯйрост надод. Ӯ фаҳмид, ки онҳо Ӯро на барои он меҷустанд, ки Ӯ Исо аст, балки аниқтараш, ба хотири хӯроке ки Ӯ ба онҳо дод. Онҳо диданд, ки он рӯз Ӯ муъҷизаи бузурге ба амал овард. Ин мебоист онҳоро бовар мекунонд, ки Ӯ ҳақиқатан Офаридгор ва Масеҳ аст. Аммо шавқмандии онҳо фақат ба хӯрок дахл дошт. Онҳо нони муъҷизанокро хӯрданд, ва гуруснагияшон рафъ гардид.

**6,27** Бинобар ин, пеш аз ҳама, Исо ба онҳо маслиҳат дод, ки *на аз барои ғизои гузаранда меҳнат* кунанд. Худованд дар назар надошт, ки онҳо набояд кор карда, рӯзӣ ба даст оваранд; Ӯ фақат огоҳӣ дод, ки ин набояд дар ҳаёти онҳо мақсади асосӣ бошад. Қонеъ намудани эҳтиёҷоти табиӣ – дар ҳаёт аз ҳама асосӣ нест. Одам на танҳо аз ҷисм, балки ҳамчунин аз рӯҳ ва ҷон иборат аст. Мо бояд оид ба *ғизое меҳнат* кунем, *ки то ҳаёти абадӣ боқӣ мемонад*. Одам набояд чунон зиндагӣ кунад, ки гӯё ҷисм ҳамаи он чизест, ки вай дорад. Вай набояд тамоми қувва ва истеъдодҳои худро барои сер кардани ҷисми худ, ки онро ба қарибӣ кирмҳо мехӯранд, сарф кунад. Вай бояд бештар оид ба ҷони худ ғамхорӣ кунад – ҳар рӯз онро аз Каломи Худо ғизо диҳад. «Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо барояд». Мо бояд хаста нашуда меҳнат кунем, то ки дар Каломи Худо дониши бештар пайдо кунем.

*«Худои Падар бар Ӯ муҳр задааст»* гуфта, Худованд Исо онро дар назар дошт, ки *Худо* Ӯро фиристод ва хизматгузории Ӯро маъқул донист. Ҳангоме ки мо дар ҳуҷҷат муҳри худро мегузорем, мо ҳаққонияти чизи навишташударо тасдиқ мекунем. Худо ба он маъно бар Писари Одам «муҳр задааст», ки ҳаққонияти суханони Исоро тасдиқ намуд.

**6,28** Дар навбати худ, одамон аз Худованд пурсиданд, ки чӣ кор кунанд, то *корҳои писандидаи Худоро ба ҷо оварда* бошанд. Одам ҳамеша кӯшиш мекунад бо амалҳо ба осмон роҳ кушояд. Барои вай эҳсос кардан хуш аст, ки баҳри сазовори наҷот шудан ягон коре карда метавонад. Агар вай тавре карда боиси нигоҳ доштани ҷони худ шуда тавонад, барои худситоӣ сабаб ёфта метавонад; ва ин ба вай хуш меояд.

**6,29** Исо риёкории онҳоро медид. Онҳо вонамуд мекарданд, ки барои Худо меҳнат кардан мехоҳанд, аммо бо Писари Худо ҳеҷ коре доштан намехостанд. Исо ба онҳо гуфт, ки пеш аз ҳама онҳо бояд Он Касеро ки Худо *фиристод*, қабул кунанд. Ҳамин гуна вазъияро мо имрӯзҳо ҳам мебинем. Бисёриҳо мехоҳанд ба василаи корҳои нек ба осмон роҳ пайдо кунанд. Аммо пеш аз кардани корҳои нек барои Худо онҳо бояд аввал ба Худованд Исои Масеҳ бовар кунанд. Корҳои нек пеш аз наҷот намеоянд; онҳо аз пайи он меоянд. Ягона кори неке ки гуноҳкор карда метавонад, – эътироф кардани гуноҳҳои худ ва Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул кардан аст.

**6,30** Ин оят бори дигар вайронии дилҳои одамонро исбот мекунад. Дирӯз онҳо дида буданд, ки Худованд Исо панҷ ҳазор нафарро бо панҷ нон ва ду моҳӣ сер кард. Имрӯз бошад онҳо назди Ӯ омада гуфтанд, ки бо кадом *муъҷиза* Ӯ Писари Худо будани Худро тасдиқ карда метавонад. Чун бисёрии беимонон, онҳо аввал мехостанд бубинанд, сипас бовар кунанд: «*То дида, ба Ту имон оварем*». Аммо ин вайрон кардани тартиби илоҳист. Худо ба гуноҳкорон мегӯяд: «Агар имон оваред, хоҳед дид». Имон ҳамеша бояд аввал ояд.

**6,31** Ба Аҳди Қадим истинод намуда, яҳудиён ба Исо муъҷизаи манни[19] осмониро ёдрас намуданд. Эҳтимол, онҳо гуфтанӣ буданд, ки Исо ҳеҷ гоҳ муъҷизаеро ба монанди ин наофаридааст. Онҳо Забур 77,24.25-ро иқтибос меоварданд, ки он ҷо гуфта шудааст: *«Аз осмон ба онҳо нон ато кард, то хӯранд»*. Онҳо дар назар доштанд, ки Мусо хӯрокро аз осмон

фуруд овард, ва Худованд ба дараҷаи Мусо бузург набуд, зеро фақат хӯроки бударо афзун кард!

**6,32** Ҷавоби Худованд камаш ду фикрро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, на *Мусо,* балки Худо ба онҳо маннро дод. Зиёда аз ин, манн *нони* ҳақиқии рӯҳонӣ аз *осмон* набуд. Манн маҳсулоти табиӣ барои сер кардани ҷисм буд, ки берун аз ин ҳаёт ҳеҷ аҳамияте надорад. Худованд Исо ин ҷо оид ба *нони ҳақиқӣ,* идеалӣ ва аслӣ сухан меронад, ки Худо аз осмон медиҳад. Ин нон на барои ҷисм, балки барои ҷон аст. Калимаҳои «*Падари Ман*» – изҳори Масеҳ оид ба илоҳияти Худ аст.

**6,33** Худованд Исо ба Худ чун ба *нони Худо* ишора кард, ки *аз осмон фуруд омада, ба ҷаҳон ҳаёт мебахшад.* Ӯ афзалияти *нони Худоро* бар манн дар биёбон нишон дод. Манн ҳаёт намебахшид, он фақат мавҷудияти ҷисмониро нигоҳ медошт. Он на барои тамоми ҷаҳон, балки фақат барои Исроил буд. *Нони* ҳақиқӣ *аз осмон фуруд омада, ба* одамон *ҳаёт мебахшад* – на фақат ба як халқ, балки ба тамоми *ҷаҳон.*

**6,34** Яҳудиён ҳанӯз ҳам намефаҳмиданд, ки Исо оид ба Худ чун оид ба Нони ҳақиқӣ мегуфт, ва хоҳиш карданд, ки ҳамеша ба онҳо ин гуна *нон* диҳад. Онҳо ҳанӯз ҳам нони аслиро дар назар доштанд. Мутаассифона, дар дилҳои онҳо ҳеҷ гуна имони ҳақиқӣ набуд.

### Г. Исо, Нони ҳаёт (6,35-65)

**6,35** Он гоҳ Исо ҳақиқатро сода ва равшан баён намуд. Ӯ *нони ҳаёт* аст. Касоне ки назди Ӯ меоянд, ҳама чизро барои рафъ намудани гуруснагии рӯҳонӣ барои ҳамеша пайдо мекунанд. Касоне ки ба Ӯ имон меоваранд, ҳеҷ гоҳ ташна намемонанд. Ба калимаҳои «*Ман ҳастам*» дар ин оят диққат диҳед ва эътироф намоед, ки Худованд оид ба баробарӣ бо Яҳува мегӯяд. Беақлона мебуд, агар ин калимаҳоро аз ояти 35 одами гуноҳкор ба забон меовард. Ҳеҷ як одами одӣ гуруснагӣ ва ташнагии худро қонеъ карда наметавонад, чӣ ҷои гап дар бораи эҳтиёҷоти рӯҳонии тамоми ҷаҳон!

**6,36** Дар ояти 30 яҳудиёни беимон аз Худованд аломатеро талаб карданд, ки онро дида, бовар карда метавонанд. Ин ҷо Исо мегӯяд, ки онҳо Ӯро аллакай дидаанд – бузургтарини аломатҳоро – *ва,* бо вуҷуди ин, *имон намеоваранд.* Агар Писари Худо, пур аз камолот, назди онҳо истода буд, ва онҳо Ӯро намешинохтанд, пас тахмин кардан беҳуда аст, ки онҳо ба аломате ки Ӯ нишон медиҳад, боварӣ ҳосил мекарданд.

**6,37** Нобоварии яҳудиён Худовандро ҳайрон накард. Ӯ медонист, ки ҳар он чи Падар ба нақша гирифтааст, иҷро хоҳад шуд. Ҳатто агар яҳудиёне ки бо Ӯ суҳбат мекарданд, Ӯро қабул намекарда бошанд ҳам, Ӯ медонист, ки интихобшудагони Худо назди Ӯ меоянд. Пинк чунин менависад: «Дарки шикастнопазирии нақшаҳои Худо оромӣ, мувозинат, мардонагӣ, суботкорӣ мебахшад, ки ҳеҷ чизи дигар онҳоро дода наметавонад».

Ин оят хеле муҳим аст, зеро дар якчанд калима ду таълимотро аз таълимотҳои муҳимтарини Навиштаи Муқаддас кушода медиҳад. Якум: Худо одамони муайянро ба Масеҳ бахшидааст ва ҳамаи онҳое ки ба Ӯ бахшида шудаанд, наҷот хоҳанд ёфт. Дуюм: таълимот оид ба масъулияти одам. Барои наҷот ёфтан одам бояд назди Худованд Исо ояд ва Ӯро бо имон қабул кунад. Худо одамони муайянро барои наҷот додан интихоб мекунад, аммо Навиштаи Муқаддас дар ҳеҷ ҷой таълим намедиҳад, ки Ӯ касеро барои лаънат интихоб мекунад. Агар касе наҷот ёбад – ин атои файзи Худост. Аммо агар касе барои ҳамеша ҳалок мешуда бошад, ин бо айби худи ӯст. Ҳамаи одамон аз боиси вайронӣ ва гуноҳкорияшон маҳкум шудаанд. Агар ҳамаи одамон ба дӯзах меафтоданд, ин он чизе мебуд, ки сазовори онҳост. Аммо Худо, аз рӯи файзи Худ, илтифот менамояд ва аз тамоми инсоният одамони алоҳидаро наҷот медиҳад. Оё Ӯ ҳақ дорад ин корро кунад?

Албатта, дорад. Худо ҳар кореро, ки зарур меҳисобад, карда метавонад, ва ҳеҷ кас наметавонад ин ҳаққи Ӯро инкор кунад. Мо медонем, ки Худо ҳеҷ гоҳ кори хато ё ноодилона намекунад.

Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки Худо баъзе одамонро барои наҷот муқаррар кардааст, аммо он айнан ҳамин тавр таълим медиҳад, ки одам барои қабул кардан ё накардани Инҷил масъулият дорад. Муроҷиати Худо ба ҳама бе истисно равона карда шудааст – агар шахс ба Худованд Исои Масеҳ имо оварад, наҷот меёбад. Худо одамонро бар хилофи хоҳиши онҳо наҷот намедиҳад.

Одам бояд назди Ӯ бо тавба ва имон ояд. Он гоҳ Худо вайро наҷот медиҳад. Ҳеҷ касе ки ба воситаи Масеҳ назди Худо меояд, *бадар ронда* намешавад.

Ақли одамӣ ин ду таълимотро бо ҳам оштӣ дода наметавонад. Аммо мо, ҳатто агар фаҳмида натавонем ҳам, бояд ба онҳо бовар кунем. Инҳо таълимотҳои Навиштаи Муқаддасанд, ки ин ҷо равшан баён шудаанд.

**6,38** Дар ояти 37 Худованд Исо гуфт, ки ҳамаи нақшаҳои Худо оид ба наҷоти онҳое ки назди Ӯ меоянд, дар ниҳояти кор амалӣ мегарданд. Азбаски ин хости Падар аст, Худованд барои иҷро намудани он тамоми имкониятҳоро ба кор мебарад, зеро вазифаи Ӯ ба ҷо овардани хости Худост. *«Аз осмон фуруд омадаам»*, – гуфт Масеҳ, ва возеҳ фаҳмонд, ки ҳаёти Ӯ дар охури Байт-Лаҳм сар нашудааст. Ӯ бо Худо Падар дар осмонҳо аз азал вуҷуд дошт. Ӯ ба замин чун Писари итоаткори Худо фуруд омад. Ӯ ихтиёран мавқеи хизматгорро ишғол намуд, то ки хости Падари Худро ба ҷо оварад. Ин чунин маъно надорад, ки Ӯ хостии Худро надорад, аниқтараш, *хости* Ӯ бо хости Худо мувофиқати пурра дорад.

**6,39** *Хости Падар* дар он аст, ки ҳар касе ки Худо ба Ӯ додааст, наҷот ёбад ва то растохез дар рӯзи охирин, ки он вақт вай зинда шуда, ба даргоҳи осмонӣ қабул мегардад, нигоҳдорӣ шавад. Калимаи *«чизе»* ба имондорон дахл дорад. Ин ҷо Исо на оид ба имондорони алоҳида, балки оид ба тамоми Бадани Масеҳ мегуфт, – онҳое ки дар давоми солҳои зиёд наҷот хоҳанд ёфт. Худованд Исо барои он масъул аст, ки ягон узви Бадан талаф нашавад, балки тамоми Бадан *дар рӯзи вопасин аз мурдаҳо бархезад.*

Агар сухан дар бораи масеҳиён равад, *рӯзи вопасин* барои онҳо *рӯзе* хоҳад буд, ки Худованд Исо бар абрҳо зоҳир мешавад. Он гоҳ аввал онҳое ки дар зиндагияшон ба Масеҳ имон овардаанд, аз мурдагон бармехезанд, сипас имондорони зинда дигаргун мешаванд, ва ҳама якҷоя ба осмон бурда мешаванд, то дар осмон бо Худованд вохӯранд ва ҷовидона бо Ӯ бошанд. Барои яҳудиён ин маънои дар ҷалол омадани Масеҳро дорад.

**6,40** Сипас Худованд фаҳмонданро давом медиҳад, ки одам чӣ гуна узви оилаи раҳошудагон мешавад. *Хости* Худо *ин аст, ки ҳар кӣ Писарро дид, ва ба Ӯ имон овард, ҳаёти абадӣ дошта бошад. Писарро* дидан ин ҷо чунин маъно дорад: Ӯро на бо чашмони ҷисмонӣ, балки бо чашмони имон дидан. Дидан ва дарк кардан лозим аст, ки Исои Масеҳ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст; сипас ба Ӯ имон овардан даркор аст. Ин чунин маъно дорад, ки имони кас бояд дар қабул намудани Худованд Исо чун Наҷотдиҳандаи шахсӣ зоҳир шавад. Ҳамаи имондорон аллакай дар ин ҷо, дар замин, *ҳаёти ҷовидонӣ* доранд, ва низ боввариро ба он хоҳанд дошт, ки дар *рӯзи вопасин* зинда мешаванд.

**6,41** Мардум тамоман тайёр набуданд Исои Масеҳро қабул кунанд ва *аз Ӯ шикоят карданд.* Исо мегуфт, Ӯ *нонест, ки аз осмон фуруд омад.* Одамон фаҳмиданд, ки ин иддаои хеле муҳим аст. Одами одӣ, ҳатто пайғамбари калон *аз осмон* фуруд омада наметавонад. Ҳамин тариқ, *онҳо аз Ӯ шикоят карданд,* зеро ба суханони Ӯ бовар кардан нахостанд.

**6,42** Онҳо медонистанд, ки *Исо Писари Юсуф* аст. Ин ақидаи онҳо, албатта, нодуруст буд. Исо аз Марями бокира таваллуд шудааст. Юсуф падари Ӯ набуд. Худованди мо аз Рӯҳулқудс ба дунё омада буд. Бовар накардан ба таваллуд аз бокира онҳоро ба кӯрӣ ва нобоварӣ овард. Имрӯзҳо ҳам худи ҳамин мушоҳида мешавад. Онҳое ки Худованд Исоро чун Писари Худо, ки ба ҷаҳон аз бокира таваллуд шудааст, қабул намекунанд, худро маҳкуми рад кардани ҳамаи ҳақиқатҳои бузург оид ба Шахсият ва аъмоли Масеҳ менамоянд.

**6,43** Агарчи одамон инро ба Ӯ рӯйрост намегуфтанд, *Исо* ҳамаи гуфтаҳои онҳоро медонист, ва дар ҷавоб огоҳӣ дод, ки *«байни якдигар шикоят накунед»*. Оятҳои оянда мефаҳмонанд, ки чаро шикваҳои онҳо бефоида ва нодаркор буданд. Яҳудиён шаҳодати Худованд Исоро ҳар қадар бештар рад кунанд, таълимоти Ӯ ҳамон қадар мураккабтар мешуданд. «Нури радшуда нури инкоршуда аст». Ҳар қадар бештар онҳо Хушхабарро рад кунанд, қабул кардани ин хабар барояшон ҳамон қадар душвортар мешуд. Агар Худованд ба онҳо оид ба чизҳои одӣ гуфт, ва онҳо бовар накарданд, пас, агар Ӯ ба онҳо чизҳои мушкилтарро баён кунад, онҳо бештар аз ин намефаҳманд, ки Ӯ чӣ мегӯяд.

**6,44** Худ аз худ одам беандоза ноумед ва заиф аст. Вай ҳатто қувват надорад, ки худаш назди Исо ояд. То даме ки Падар дар дил ва ҳаёти вай кор карданро сар накунад, вай ҳеҷ

гоҳ тамоми даҳшати гуноҳи худ ва эҳтиёҷ ба Наҷотдиҳандаро дарк намекунад. Барои бисёр касон ин оят душвор метобад. Мувофиқи ақидаи онҳо, он таълим медиҳад, ки одам метавонад хоҳони наҷот ёфтан бошад, аммо имкони дарёфти онро надошта бошад. Ин тавр нест. Дар асл оят таълим медиҳад, ки аввал Худо дар дилҳои мо кор мекунад ва моро пайдо менамояд, то ба Худ ҷалб кунад. Ба мо интихоб пешниҳод шудааст: Худованд Исоро қабул кунем ё аз Ӯ даст кашем. Аммо агар Худо бо дили мо гап назанад, мо ҳеҷ гоҳ хоҳиши ҷустани Ӯро нахоҳем дошт. Худованд бори дигар ваъдаеро тасдиқ кард, ки Ӯ дар *рӯзи вопасин* ҳар як имондори ҳақиқиро *эҳё* мекунад. Чунон ки мо аллакай дидем, он ба омадани Масеҳ барои муқаддасони Худ дахл дорад, ҳангоме ки мурдаҳо зинда мегарданд, зиндаҳо бошанд дигаргун мешаванд. Он растохез танҳо ба имондорон дахл дорад.

**6,45** Худованд бори дигар гуфт, ки то Падар ҷалб накунад, ҳеҷ кас назди Ӯ омада наметавонад, ва фаҳмонданро давом дод, ки Падар одамонро чӣ гуна ҷалб мекунад. Пеш аз ҳама, Ӯ Ишаъё 54,13-ро иқтибос меоварад: «*Ва ҳама аз Худо таълим хоҳанд ёфт*». Худо одамони алоҳидаро на танҳо интихоб мекунад. Ӯ дар онҳо кореро анҷом медиҳад. Ӯ ба воситаи Каломи пурқимати Худ ба дилҳои онҳо сухан мегӯяд.

Сипас иродаи шахсии одам ҳамроҳ мешавад. Онҳое ки ба таълимоти Каломи Худо ҷавоб додаанд ва *аз Падар* таълим гирифтаанд, назди Масеҳ меоянд. Ин ҷо мо боз мебинем, ки ду ҳақиқати бузург – соҳибихтиёрии Худо ва озодии интихоби одам – дар Навиштаи Муқаддас назди ҳам ҷойгир карда шудаанд. Онҳо ба мо нишон медиҳанд, ки наҷот ҷиҳати илоҳӣ ва ҳам ҷиҳати инсонӣ дорад.

«*Дар навиштаҳои пайғамбарон омадааст*» гуфта, Исо, албатта, китобҳои пайғамбаронро дар назар дошт. Ӯ, дар ин ҷо китоби Ишаъёро дар назар дошт, аммо фикреро, ки Ӯ ифода менамуд, дар ҳамаи пайғамбарон ёфтан мумкин аст. Одамон ба Худо танҳо ба василаи таълимоти Каломи Худо ва амали Рӯҳи Худо ҷалб мешаванд.

**6,46** Одамонро таълим додани Худо маънои онро надорад, ки онҳо Ӯро *дидаанд*. Ягона Касе ки *Падарро дидааст,* Онест, ки аз ҷониби Худо омадааст, яъне Худи Худованд Исо.

Ҳамаи онҳое ки аз Худо таълим мегиранд, оид ба Худованд Исои Масеҳ омӯзонда мешаванд, зеро мавзӯи асосии таълимоти Худо Худи Масеҳ аст.

**6,47** Ояти 47 яке аз баёнҳои равшантарин ва кӯтоҳтарини роҳи наҷот дар тамоми Каломи Худост. Худованд Исо онро дар сухане тасвия намудааст, ки нодуруст тафсир кардани он аз эҳтимол дур аст: *ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад*. Диққат диҳед: Ӯ пеш аз ин суханон қотеона «*ба ростӣ, ба ростӣ*» мегӯяд. Ин оят, чун бисёр оятҳои дигар дар Аҳди Нав, таълим медиҳад, ки наҷот на аз рӯи аъмол, на дар натиҷаи риояи шариат ё «қоидаи тиллоӣ», на аз рӯи тааллуқ ба Калисо, балки танҳо аз рӯи имон ба Худованд Исои Масеҳ дода мешавад.

**6,48-49** Ин ҷо Худованд Исо изҳор менамояд, ки Ӯ *нони ҳаёт аст,* ки оид ба он зикр карда буд. Табиист, ки «нони ҳаёт»ӣ маънои *нонеро* дорад, ки ба ҳар касе ки онро мехӯрад, *ҳаёт* медиҳад. Яҳудиён пештар оид ба *манн дар биёбон* ёдовар шуда, аз Худованд Исо хоҳиш карданд, ки ҳамин гуна хӯроки хубро офарад. Ин ҷо Худованд ба онҳо ёдрас намуд, *ки падарони* онҳо *дар биёбон манн хӯрданд ва мурданд*. Дигар хел карда гӯем, манн фақат барои ин ҳаёт буд. Он наметавонист ба касоне ки онро мехӯрданд, ҳаёти ҷовидонӣ диҳад. Бо ибораи «*падарони шумо*» Худованд Худро аз инсонияти талафшаванда ҷудо мекард ва ба таври ниҳонӣ илоҳияти Худро зикр намуд.

**6,50** Бар хилофи манн, Худованд оид ба Худ чун оид ба *ноне* мегуфт, ки *аз осмон фуруд меояд*. Ва касе ки ин нонро мехӯрад, *намемирад*. Ин маънои онро надошт, ки вай ҷисман намемирад, балки вай дар осмон ҳаёти абадӣ хоҳад дошт. Ҳатто агар вай ҷисман бимирад ҳам, бадани вай дар рӯзи вопасин зинда мешавад ва вай ҷовидона бо Худованд хоҳад буд.

Дар ин оят ва оятҳои баъдина Худованд Исо борҳо оид ба одамоне мегӯяд, ки Бадани Ӯро мехӯранд. Ӯ чиро дар назар дорад? Оё ин маънои онро дорад, ки одамон бояд ҳақиқатан Бадани Ӯро хӯранд? Бешубҳа, ин ғоя ғайриимкон ва нафратовар аст. Аммо баъзеҳо гумон мекунанд, ки Ӯ таълимотеро дар назар дошт, ки мувофиқи он мо бояд ҳангоми шикастани нон Бадани Ӯро бихӯрем: гӯё нон ва май ба таври муъҷизаосо ба Бадан ва Хуни Масеҳ табдил меёбанд, ва барои наҷот ёфтан мо

бояд аз ин аломатҳои намоён баҳраманд шавем. Аммо Исо инро нагуфта буд. Аз матн аён аст, ки *хӯрдани* Бадани Ӯ – яъне ба Ӯ бовар кардан аст. Ҳангоме ки мо ба Худованд Исо чун ба Наҷотдиҳандаи мо бовар мекунем, мо ба воситаи имон бо Ӯ якҷоя мешавем. Мо ба имтиёзҳои Шахсияти Ӯ ва корҳои Ӯ ҳамроҳ мешавем. Августин гуфтааст: «Бовар кунед ва шумо хӯрдаед».

**6,51** Исо *нони зинда* аст. Ӯ на танҳо дар Худ ҳаёт дорад, балки Ӯ ҳаётро медиҳад. *Касе ки аз ин нон хӯрад, то абад зинда мемонад*. Ин чӣ гуна буда метавонад? Чӣ тавр Худованд ба гуноҳкорони айбдор ҳаёти абадӣ дода метавонад? Ҷавоб дар қисми охири ин оят дода шудааст: *«... ва ноне ки Ман медиҳам, ҷисми Ман аст, ки онро барои ҳаёти ҷаҳон мебахшам»*. Ин ҷо Худованд Исо марги Худро дар салиб пешгӯӣ кард. Ӯ ҳаёти Худро чун фидия барои гуноҳкорон медиҳад. Бадани Ӯ маҷрӯҳ карда шуда, Хуни Ӯ барои қурбонии гуноҳҳо рехта хоҳад шуд. Ӯ ба ҷои гуноҳкорон мемирад. Ӯ ҷазоро барои гуноҳҳои мо ба дӯши Худ хоҳад гирифт. Чаро Ӯ чунин хоҳад кард? Ӯ ин корро *барои ҳаёти ҷаҳон* хоҳад кард. Ӯ на фақат барои халқи яҳудӣ ё барои баъзе интихобшудагон хоҳад мурд. Марги Ӯ барои тамоми ҷаҳон кифоя хоҳад буд. Ин, албатта, маънои онро надорад, ки тамоми ҷаҳон наҷот дода мешавад, аммо он чи Худованд Исо дар Ҷолҷолто ба амал овард, барои наҷот додани тамоми ҷаҳон кофӣ мебуд, агар ҳамаи одамон назди Исо меомаданд.

**6,52** *Яҳудиён* ҳанӯз ҳам оид ба нон ва *бадани* моддӣ фикр мекарданд. Фикрҳои онҳо аз сатҳи заминӣ болотар баромада наметавонистанд. Онҳо намефаҳмиданд, ки Худованд Исо чизи моддиро барои таълими ҳақиқатҳои рӯҳонӣ ба кор бурд. Он гоҳ онҳо байни худ баҳс карда, мегуфтанд: *Чӣ тавр Ин Шахс ҷисми Худро* ба дигарон барои хӯрдан дода метавонад? Парашют танҳо баъди аз ҳавопаймо ҷастан кушода мешавад. Имон пеш аз дидан меояд ва ҷони шуморо барои фаҳмидан, дилро барои бовар кардан, иродаро барои итоаткорӣ омода мекунад. Ба ҳама саволҳои «Чӣ тавр?» як ҷавоб ҳаст: ба нуфузи Масеҳ тобеъ шудан чун Павлус, ки нидо мекард: «Худовандо, Ту чӣ мефармоӣ, то ман кунам?»

**6,53** Азбаски *Исо* ҳамадон буд, Ӯ афкору гуфтори яҳудиёнро медонист. Ӯ ба онҳо огоҳии ҷиддӣ дод: агар онҳо *ҷисми Писари Одамро нахӯранд, ва хуни Ӯро нанӯшанд, дар худ ҳаёт надоранд*. Ин ба нон ва май, ки дар Шоми Худованд истифода мешаванд, дахле надорад. Шабе ки Шоми Худованд ба вуқӯъ мепайваст ва Худованд таслим карда шуд, ҷисми Ӯ ҳанӯз шикаста нашуда буд ва хуни Ӯ ҳанӯз нарехта буд. Шогирдон нон ва майро мечашиданд, аммо онҳо ба маънои таҳтуллафзӣ ҷисми Ӯро намехӯрданд ва хуни Ӯро наменӯшиданд. Бо ин суханон Худованд Исо фақат изҳор менамуд, ки то аҳамияти марги Ӯро барои мо дар Ҷолҷолто бо имон қабул накунем, наҷот намеёбем. Мо бояд ба Ӯ бовар кунем, Ӯро қабул кунем ва Ӯро гӯё «ба даст оварем».

**6,54** Ин оятро бо ояти 47 муқоиса карда, мефаҳмем, ки хӯрдани Бадани Ӯ ва нӯшидани Хуни Ӯ – ба Ӯ бовар кардан аст. Дар ояти 47 мо мехонем: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад». Дар ояти 54 мо ёд мегирем, ки *«ҳар кӣ ҷисми* Ӯро *хӯрад ва хуни* Ӯро *нӯшад, ҳаёти абадӣ дорад»*. Инак ду чизе ки бо як чиз баробаранд, байни худ баробаранд. Ҳамин тавр хӯрдани *ҷисми* Ӯ ва нӯшидани *хуни* Ӯ – маънои ба Ӯ бовар карданро дорад. Ҳамаи онҳое ки ба Ӯ имон доранд, дар *рӯзи вопасин* зинда мешаванд. Албатта, баданҳои онҳое зинда мешаванд, ки ба Худованд Исо имон овардаанд.

**6,55** *Бадани* Худованд Исо *ғизои ҳақиқист, ва Хуни* Ӯ *нӯшокии ҳақиқист*. Онҳо ба ғизо ва нӯшокии ин ҷаҳон, ки фақат аҳамияти муваққатӣ доранд, муқобил гузошта мешаванд. Марги Худованд Исо бошад аҳамияти нагузаранда дорад. Касе ки бо имон дар Ӯ саҳме пайдо мекунад, ҳаёти ҷовидонӣ ба даст меорад.

**6,56** Байни Ӯ ва ононе ки ба Ӯ имон доранд, ягонагии зич ҳаст. *Ҳар кӣ ҷисми* Ӯро *хӯрад ва хуни* Ӯро *нӯшад, дар* Ӯ *мемонад,* ва Ӯ – дар он одам. Ин ягонагии наздиктарин ва зичтарин аст. Ҳангоме ки мо ғизои маъмулиро мехӯрем, мо онро фурӯ мебарем, ва он қисми худи мо мешавад. Ҳангоме ки мо Худованд Исоро чун Наҷотдиҳанда қабул мекунем, Ӯ ба ҳаёти мо ворид мешавад, то дар мо бошад, ва мо дар Ӯ бошем.

**6,57** Сипас Худованд боз як намунаи алоқамандии зичи байни Ӯ ва одамонро овард. Мисоли он ягонагии шахсии Ӯ бо Худо Падар буд. *Падари Зинда* Худованд Исоро ба ҷаҳон

*фиристод.* (Ибораи *«Падари Зинда»* маънои «Падари Зинда», «Падар – сарчашмаи ҳаёт»-ро дорад) Агарчи Исо ба ин ҷаҳон чун Одам омад, Ӯ ба василаи *Падар* мезист, яъне ба шарофати Падар Ӯ дар ягонагии наздиктарин ва ҳамоҳангӣ бо Худо Падар мезист. Худо марказ ва мазмуни ҳаёти Ӯ буд. Мақсади Ӯ иҷро намудани хости Худо Падар буд. Дар замин Ӯ одами одӣ буд, ва ҷаҳон намефаҳмид, ки Ӯ Худои таҷассумшуда аст. Ҷаҳон Ӯро нафаҳмид, аммо бо вуҷуди ин Ӯ бо Падари Худ як буд. Онҳо дар ягонагии наздик мезистанд. Имондорон бо Исои Масеҳ маҳз ҳамин тавр пайваст шудаанд. Онҳоро дар ин ҷаҳон намефаҳманд, бад мебинанд ва тез-тез таъқиб мекунанд. Аммо барои он ки онҳо ба Худованд Исо бовар кардаанд ва бовари доранд, онҳо *ба воситаи Ӯ зинда ҳастанд.* Ҳаёти онҳо бо ҳаёти Ӯ зич даромехтааст, ва ин ҳаёт ҷовидона давом хоҳад кард.

**6,58** Ин оят, аз афташ, ҳамаи он чиро, ки Худованд дар оятҳои пешина гуфтааст, ҷамъбаст мекунад. Исо *нонест, ки аз осмон фуруд омад.* Он аз *манн, ки падарон дар биёбон хӯрданд,* афзунтар аст. Он нон фақат аҳамияти муваққатӣ дошт. Он фақат барои ин ҳаёт даркор буд. Аммо Масеҳ Нони Худост, ки ба ҳамаи касоне ки Ӯро мехӯранд, ҳаёти ҷовидонӣ медиҳад.

**6,59** Мардум аз соҳили шимолӣ-шарқӣ аз пайи Исо ва шогирдонаш сӯи Кафарнаҳум равона шуданд, ва эҳтимол, бисёриҳо Исоро дар куништ[20] дарёфтанд, ки он ҷо Ӯ ба онҳо оид ба Нони ҳаёт таълим медод.

**6,60** Ин вақт Худованд Исо назар ба 12 шогирди аввалин хеле *бисёртар шогирдон* дошт. Ҳар касе ки аз пайи Ӯ мерафт ва мегуфт, ки таълимоти Ӯро қабул кардааст, шогирд ҳисобида мешуд. Аммо на ҳамаи онҳое ки худро шогирдони Ӯ меномиданд, имондорони ҳақиқӣ буданд. Дар ин оят баён шудааст, ки бисёрии онҳое ки худро шогирдони Ӯ меномиданд, мегуфтанд: *«Ин сухани сахт аст».* Онҳо онро дар назар доштанд, ки таълимоти Исо таҳқиромез аст. На барои он ки онҳо бисёр чизҳоро намефаҳмиданд, балки қабул кардани он барояшон нофорам буд. *«Кӣ метавонад онро шунавад?»* гуфта, онҳо инро дар назар доштанд: «Кӣ метавонад истода, ин гуна таълимоти таҳқиромезро қабул кунад?»

**6,61** Боз ҳам бо далели онро пайдо мекунем, ки Худованд ҳамадон буд. *Исо* ҳамаи он чиро, ки *шогирдон* мегуфтанд, медонист. Ӯ медонист, ки онҳо «аз осмон фуруд омадаам» гуфтани *Ӯро* шунида шикоят мекунанд; ва барои онҳо шунидани он нофорам буд, ки Ӯ ба одамон хӯрдани Бадани Ӯ ва нӯшидани Хуни Ӯро пешниҳод мекунад, то дорои ҳаёти ҷовидонӣ шаванд. Инак, Ӯ аз онҳо пурсид: *«Оё ин шуморо ба васваса меандозад?»*

**6,62** Ба онҳо суханони Ӯ оид ба он ки Ӯ аз осмон фуруд омад, маъқул нашуданд. Акнун Ӯ пурсид: Онҳо чӣ фикр мекунанд, ҳангоме мебинанд, ки Бадан *ба мақоми аввалин,* ба осмон, *боло меравад.* Ӯ медонист, ки ин баъд аз растохезаш рӯй медиҳад. Ҳамчунин суханон оид ба он ки одамон бояд ҷисми Ӯро хӯранд, ба онҳо маъқул нашуданд. Акнун онҳо чӣ фикр мекунанд, агар Бадани Ӯро ба *ҷои аввалааш* болошуда бинанд? Баъд аз он ки Ӯ назди Падар бозмегардад, одамон чӣ гуна метавонанд ба маънои аслӣ ҷисми Ӯро хӯранд ва хуни Ӯро нӯшанд?

**6,63** Ин одамон ба маънои аслӣ оид ба бадани Масеҳ фикр мекарданд, аммо Ӯ мегуфт, ки ҳаёти абадиро на ба василаи сер кардани ҷисм, балки танҳо ба василаи амали Рӯҳулқудси Худо ба даст овардан мумкин аст. Ҷисм ҳаёт дода наметавонад; фақат *Рӯҳ* ҳаёт мебахшад. Онҳо суханони Ӯро ба маънои таҳтуллафзӣ фаҳмиданд, ва надонистанд, ки онҳоро ба таври рӯҳонӣ фаҳмидан даркор аст. Худованд Исо ба онҳо фаҳмонд, ки *суханоне ки Ӯ ба онҳо мегӯяд, рӯҳ ва ҳаётанд.* Ҳангоме ки суханони Ӯ «Ҳар кӣ ҷисми Маро хӯрад ва хуни Маро нӯшад»-ро ба таври рӯҳонӣ мефаҳманд, яъне чун ба Ӯ имон меоваранд, он гоҳ шахсоне ки ин хабарро қабул кардаанд, ҳаёти ҷовидонӣ меёбанд.

**6,64** Ҳатто баъди ин фаҳмондан Худованд медонист, ки баъзе аз шунавандагонаш Ӯро намефаҳманд, чунки *имон надоранд.* Монеа бештар на ноқобилии онҳо, балки нахостани онҳо буд. *Исо аз ибтидо медонист,* ки баъзе аз пайравони номниҳодаш *имон надоранд,* ва яке аз шогирдонаш *Ӯро таслим мекунад.* Албатта, *Исо* ҳамаи инро аз азал *медонист,* аммо ин ҷо, шояд, дар назар дошта шудааст, ки Ӯ инро аз аввали хизмати заминии Худ медонист.

**6,65** Исо фаҳмонд, ки мушкилӣ дар нобоварии онҳост, ки Ӯ ба онҳо аллакай оид ба

он гуфта буд, ки *ҳеҷ кас наметавонад назди Ӯ биёяд, магар ин ки Падари Ӯ инро ба вай ато кунад.* Ин гуна суханон ба иззати нафси одаме мерасанд, ки гумон мекунад, бо амалҳо сазовори наҷот шудан мумкин аст. Худованд Исо мегӯяд, ки ҳатто ҳуқуқи назди Ӯ *омадан* аз Худо *Падар* бармеояд.

### Ғ. Аксуламали гуногун ба суханони Наҷотдиҳанда (6,66-71)

**6,66** Суханони Худованд Исо барои *бисёрии* онҳое ки Ӯро пайравӣ мекарданд, нофорам буданд. Онҳо Ӯро тарк карданд ва дигар бо Ӯ мушоракат доштан намехостанд. Ин шогирдон ҳеҷ гоҳ имондорони ҳақиқӣ набуданд. Онҳо бо сабабҳои гуногун аз пайи Худованд мерафтанд, аммо бе муҳаббати ҳақиқӣ ба Ӯ ва ё фаҳмидани он ки Ӯ Кист.

**6,67** Баъд аз ин *Исо ба дувоздаҳ* шогирд муроҷиат намуда, аз онҳо пурсид: оё онҳо низ рафтан намехоҳанд?

**6,68** Ҷавоби Петрус ҷолиби диққат аст. Вай чунин гуфт: *«Худовандо!* Чӣ тавр мо Туро тарк карда метавонем? *Ту* таълимотеро меомӯзӣ, ки ба *ҳаёти абадӣ* мебаранд. Агар мо Туро тарк кунем, дигар касе нест, ки наздаш равем. Туро тарк кардан – худро ба ҳалокат маҳкум кардан аст».

**6,69** Аз номи дувоздаҳ шогирдон сухан гуфта, Петрус илова намуд: онҳо *имон овардаанд ва донистаанд,* ки Ӯ Масеҳ, *Писари Худои Зинда* аст.[21] Ба тартиби калимаҳо аҳамият диҳед: *«имон овардаанд ва донистаанд».* Пеш аз ҳама онҳо ба Худованд Исои Масеҳ имон оварданд, сипас донистанд, ки Ӯ ҳақиқатан Он Касест, ки Худро меномад.

**6,70** Дар оятҳои 68 ва 69 Петрус ба ҷои калимаҳои «дувоздаҳ шогирд» калимаи «мо»-ро ба кор бурдааст. Дар ояти 70 Худованд Исо вайро ислоҳ кард. Вай набояд ин гуна дилпурона гӯяд, ки ҳамаи дувоздаҳ шогирд имондорони ҳақиқӣ ҳастанд. Худованд ҳақиқатан *дувоздаҳ* шогирдонро *интихоб намуд,* аммо *яке* аз онҳо *иблис* буд. Дар байни онҳо яке буд, ки ба ақидаҳои Петрус оид ба Худованд Исои Масеҳ ҳамфикр набуд.

**6,71** Худованд Исо медонист, ки *Яҳудои Исқарют* Ӯро *таслим карданист.* Ӯ медонист, ки Яҳудо ҳеҷ гоҳ ҳақиқатан Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул намекард. Ин ҷо мо боз ҳам дониши комили Худовандро мебинем. Ҳамчунин мо далели онро мебинем, ки Петрус аз номи ҳамаи шогирдон гап зада, хато мекард!

Худованди Мо суханрониро оид ба нони ҳаёт аз таълимоти нисбатан сода сар кард. Аммо дар давоми сӯҳбат аён шуд, ки яҳудиён суханони Ӯро рад мекунанд. Ҳар қадаре ки онҳо дилҳо ва ақлҳои худро барои ҳақиқат маҳкам мекарданд, таълимоти Ӯ ҳамон қадар душвортар мешуд. Дар хотима Исо гуфт, ки Бадани Ӯро хӯрдан ва Хуни Ӯро нӯшидан лозим аст. Ин аз ҳад зиёд буд! Онҳо гуфтанд: «Ин сухани сахт аст! Кӣ метавонад онро шунавад?» – ва аз Ӯ дур шуданд. Қабул накардани ҳақиқат боиси нобиноӣ мешавад. Онҳо дидан намехостанд, ва аз ин сабаб то ҳадде расиданд, ки дигар дида наметавонистанд.

## V. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: УРШАЛИМ (7,1–10,39)

### А. Исо бародарони Худро сарзаниш мекунад (7,1-9)

**7,1** Байни бобҳои 6 ва 7 якчанд моҳ гузашт. *Исо дар Ҷалил* буд. *Ӯ намехост дар Яҳудия бошад,* зеро он маркази *яҳудиёне* буд, *ки қасди куштани Ӯ доштанд.* Аз ҷониби ҳама қабул шудааст, ки бо калимаи *яҳудиён*[22] дар ин оят роҳбарони динӣ ва ё ҳокимон дар назар дошта шудаанд. Онҳо Худованд Исоро бениҳоят бад медиданд ва *қасди куштани Ӯ доштанд.*

**7,2** *Иди хаймаҳо* – дар тақвими яҳудиён яке аз воқеаҳои муҳимтарин аст. Он дар мавсими дарав воқеъ мешуд ва вақтеро хотиррасон мекард, ки яҳудиён баъди аз Миср баромадан дар паноҳгоҳҳои муваққатӣ, ё хаймаҳо мезистанд. Ин иди тантананок ва хурсандиовар рамзи он рӯзе буд, ки Масеҳ подшоҳ мешавад ва тамоми халқи Исроил дар осоиштагӣ ва тараққии рӯзафзун зиндагӣ мекунад.

**7,3** *Бародарони* Худованд, ки дар ояти 3 зикр шудаанд, писарони Марям буданд, ки баъди Исо таваллуд шудаанд (баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки сухан дар бораи амакбачаҳо ё дигар хешовандони дур меравад). Аммо новобаста ба дараҷаи хешовандӣ бо Худованд Исо, онҳо аз наҷот дур буданд. Дар асл онҳо

ба Худованд Исо бовар намекарданд. Онҳо ба Ӯ маслиҳат доданд, ки ба Уршалим ба иди хаймаҳо равад ва дар он ҷо муъҷизаҳои Худро ба амал оварад, то *шогирдонаш* он амалҳоеро, ки Ӯ мекунад, *бинанд.* Ин ҷо на 12 *шогирдон,* балки онҳое дар назар дошта шудаанд, ки дар Яҳудо иддаои пайравии Худованд Исоро мекарданд.

Агарчи бародарон ба Ӯ бовар намекарданд, онҳо мехостанд, ки Ӯ Худро ба ҷаҳон ошкоро зоҳир намояд. Шояд, онҳо мехостанд, то ба онҳо чун ба хешовандони шахси машҳур таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Ё, бештар он имконпазир аст, ки онҳо ба шуҳрати Исо ҳасад мебурданд ва бо умеди кушта шудани Ӯ бо исрор аз Ӯ хоҳиш мекарданд, ки ба Яҳудия сафар кунад.

**7,4** Шояд, ин суханон бо киноя гуфта шуда буданд. Хешовандони Ӯ, аниқтараш, тахмин мекарданд, ки Худованд ҷӯёи шуҳрат аст. Агар Ӯ машҳур шуданӣ набошад, чаро ҳамаи ин муъҷизаҳоро дар Ҷалил нишон медиҳад? Амалан онҳо чунин мегуфтанд: «Барои Ту имкониятҳои васеъ кушода мешаванд. Агар Ту ҷӯёи шуҳрат бошӣ, бояд ба Уршалим ба ид равӣ. Он ҷо садҳо одамон ҷамъ мешаванд, ва Ту ба онҳо муъҷизаҳои Худро нишон дода метавонӣ. Ҷалил ҷои оромист, ин ҷо Ту муъҷизаҳои Худро пинҳонӣ ба амал меоварӣ. Чаро Ту чунин мекунӣ? Охир, мо медонем, ки ту машҳур шудан мехоҳӣ!» Сипас онҳо илова карданд: *«Агар Ту чунин корҳоро ба ҷо меоварӣ, Худро ба ҷаҳон нишон деҳ».* Онҳо бо ин гуфтан мехостанд: «Агар Ту ҳақиқатан Масеҳ бошӣ ва муъҷизаҳои Ту далели он бошанд, чаро Ту ин далелҳоро дар Яҳудия, дар он ҷое ки онҳо ҳақиқатан аҳамият хоҳанд дошт, пешниҳод намекунӣ?»

**7,5** *Бародаронаш* хоҳиши самимии дар ҷалол дидани Исоро надоштанд. Дар асл онҳо *имон наоварда буданд,* ки Ӯ Масеҳ аст. Онҳо ҳамчунин зиндагияшонро ба ихтиёри Ӯ супудан намехостанд. Ҳамаи суханони онҳо пур аз киноя буданд. Дилҳои онҳо назди Худованд рост набуданд. Барои Худованд Исо, шояд, махсусан аламовар буд, ки бародарони Худаш ба суханон ва корҳояш шубҳа мекунанд. Аммо бисёр вақт ҳамин тавр мешавад; онҳое ки ба Худо имон доранд, аз ҷониби шахсони наздиктарин ва азизтаринашон ба мухолифати сахттарин рӯ ба рӯ мешаванд.

**7,6** Ҳаёти Худованд аз аввал то охир пешакӣ муайян шуда буд. Ҳар рӯз ва ҳар қадам мувофиқи нақшаи пешакӣ тайёршуда амалӣ мегардид. Вақти пешбинишуда барои ба ҷаҳон зоҳир намудани Худ *ҳанӯз нарасида* буд. Ӯ аниқ медонист, ки Ӯро чӣ интизор аст ва хости Худо нест, ки Ӯ ҳозир ба Уршалим рафта Худро зоҳир кунад. Аммо Ӯ ба бародаронаш ёдрас намуд, ки *барои онҳо ҳар вақт муносиб аст.* Онҳо мувофиқи хоҳишҳои худ мезистанд ва ба хости Худо итоат намекарданд. Онҳо метавонистанд нақшаҳои худро кашанд ва барои ҳаловат сафар кунанд, зеро мехостанд фақат хоҳишҳои худро иҷро кунанд.

**7,7** *Ҷаҳон* наметавонист *аз* бародарони Худованд *нафрат дошта бошад,* чунки онҳо ба ҷаҳон тааллуқ доштанд. Онҳо бар зидди Исо ҷонибдори ҷаҳон шуданд. Ҳаёти онҳо бо ҷаҳон ҳамоҳангии пурра дошт. Ибораи «ҷаҳон» ин ҷо маънои системаеро дорад, ки одам офаридааст ва дар он барои Худо ва Масеҳ ҷой нест: Ин ҷаҳони фарҳанг, санъат, таҳсилот ва дин аст. Амалан дар Яҳудия ҷаҳони динӣ буд, чунки маҳз ҳокимони яҳудӣ беш аз ҳама Масеҳро бад медиданд.

Ҷаҳон Масеҳро бад медид, чунки Ӯ шаҳодат медод, ки *аъмолаш бад аст.* Ин баҳои ғамангези табиати фосидшудаи одамист: Одами бегуноҳ, пок, ба ҷаҳон омад, ва ҷаҳон мехоҳад Ӯро бикушад. Ҳаёти беайби Масеҳ нишон дод, ки ҳаёти одамони дигар то чӣ андоза комил нест. Хатти росте ки назди хатти каҷ ҷойгир шудааст, каҷии онро аён мекунад. Ҳамчунин ба ҷаҳон омадани Худованд тамоми гуноҳкории одамро нишон дод. Одам аз ин гуна фошкунӣ хашмгин шуд. Ва ба ҷои тавба кардан ва аз Худо марҳамат хостан ҷаҳон мехост Он Касеро, ки гуноҳи Ӯро ошкор кард, нобуд кунад.

Ф. Б. Мейер тафсир мекунад:

*Оҳ, ин яке аз таънаҳои даҳшатноктарин аст, ки Муҳаббати Таҷассумшуда на танҳо дар рӯзҳои дар ҷисм буданаш, балки имрӯзҳо ҳам мекунад: «Ҷаҳон шуморо бад дида наметавонад» Ҳангоме ки ҷаҳон бад намебинад, ҳангоме ки ҷаҳон туро дӯст медорад ва навозиш мекунад, ҳангоме ки ба ту тамаллуқ мекунанд – ин барои масеҳӣ яке аз вазъиятҳои даҳшатовартарин аст. «Чӣ кори баде кардаам, – пурсид хирадманди қадим, – ки вай дар бораи ман чунин суханони хуб мегӯяд?» Набудани бадбинии ҷаҳон исбот мекунад, ки мо оид*

*ба бад будани корҳои он шаҳодат намедиҳем. Самимияти муҳаббати ҷаҳонӣ исбот мекунад, ки мо моликияти он буда, ба он тааллуқ дорем. Дӯстӣ бо ҷаҳон – душманӣ бо Худост. Бинобар ин касе ки дӯсти ҷаҳон аст, – вай душмани Худост (Юҳ. 7,7; 15,19; Яъқ. 4,4).*[23]

**7,8** Худованд ба бародарони Худ гуфт, ки онҳо *ба ин ид раванд*. Дар ин як чизи хеле андӯҳоваре ҳаст. Онҳо худро хеле диндор меҳисобиданд. Онҳо иди хаймаҳоро ҷашн гирифтанӣ буданд. Дар айни ҳол дар шахси Масеҳ дар байни онҳо Худо истода буд, аммо онҳо ба Ӯ муҳаббати ҳақиқӣ надоштанд. Ба одам маросимҳои динӣ маъқуланд, зеро онҳоро бе ягон хел рағбати самимӣ риоя кардан мумкин аст. Аммо агар вайро бо Масеҳ рӯ ба рӯ гузоред, худро нороҳат ҳис мекунад. Исо гуфт, ки Ӯ *ҳоло ба ин ид намеравад,* зеро *вақти Ӯ ҳанӯз нарасидааст.* Ӯ дар назар надошт, ки умуман ба ид намеравад, зеро аз ояти 10 мо мефаҳмем, ки Ӯ ба он ҷо рафт. Аниқтараш, Ӯ дар назар дошт, ки бо бародаронаш намеравад, чунки шуҳрати оммавиро хоҳон набуд. Замони он ҳанӯз фаро нарасида буд. Ӯ меояд, аммо пинҳонӣ ва бе овозаи барзиёд.

**7,9** Ҳамин тариқ, Худованд *дар Ҷалил монд,* бародаронаш бошанд ба ид рафтанд. Онҳо Он Касеро дар ақиб гузоштанд, ки ба онҳо шодиву хурсандии ин идро дода метавонист.

### Б. Исо дар парастишгоҳ таълим медиҳад (7,10-31)

**7,10** Ҳангоме ки *бародаронаш* ба Уршалим омаданд, Худованд Исо оромона аз пайи онҳо равон шуд. Чун яҳудии тақводор, Ӯ дар *ид* ҳозир будан мехост. Аммо, чун Писари итоаткори Худо, Ӯ бояд инро *на ошкоро, балки дар ниҳон* кунад.

**7,11** *Аммо яҳудиён Ӯро дар ид ҷустуҷӯ менамуданд.* Инҳо, бешубҳа, ҳокимон буданд, ки Ӯро куштанӣ буданд. «Ӯ куҷост?» гуфта, онҳо Ӯро парастиш карданӣ не, балки куштанӣ буданд.

**7,12** Аён аст, ки ҳузури Худованд *дар миёни мардум* ҳаяҷони калонеро ба вуҷуд оварد. Муъҷизаҳое ки Ӯ ба амал овард, беш аз пеш одамонро водор мекарданд, то дар хусуси он андеша кунанд, ки Ӯ дар асл Кист. Дар ид оид ба пайғамбари ҳақиқӣ ё бардурӯғ будани Ӯ гуфтугузорҳои пинҳонӣ доир мешуданд. *Баъзе мегуфтанд: «Ӯ некӯст», аммо дигарон мегуфтанд: «Не, Ӯ мардумро гумроҳ мекунад».*

**7,13** Зиддияти роҳбарони яҳудӣ ба Исо чунон сахт буд, ки ҳеҷ кас рӯйрост Ӯро тарафдорӣ карда наметавонист. Бешубҳа, бисёр одамони одӣ фаҳмиданд, ки Ӯ ҳақиқатан Масеҳи Исроил аст, аммо ҷуръат намекарданд баромада инро гӯянд, зеро аз таъқиботи роҳбарияти динӣ метарсиданд.

**7,14** Иди Хаймаҳо якчанд рӯз давом мекард. Баъди гузаштани қариб нисфи он *Исо ба ибодатгоҳ* (айвони болопӯшида, ки дар он ҷо ҷамъ шудани одамон мумкин буд) *рафта, ба таълим додан сар кард.*

**7,15** Онҳое ки Наҷотдиҳандаро мешуниданд, *ҳайрон шуда* буданд. Пурра имкон дорад, ки беш аз ҳама онҳо аз он мутаассир гаштанд, ки Ӯ Аҳди Қадимро ин қадар хуб медонад. Аммо диққати онҳоро ҳамчунин фарохии таълимот ва қобилияти таълимдиҳии Ӯ ҷалб карда буд. Онҳо медонистанд, ки Исо ба ҳеҷ яке аз мактабҳои динии онвақта тааллуқ надошт, ва фаҳмида наметавонистанд, ки Ӯ ин гуна донишро аз куҷо ба даст овардааст. Ҷаҳон ҳозир ҳам ҳайрон мешавад, ва баъзан ба шӯр меояд, ҳангоме имондороне пайдо мешаванд, ки маълумоти расмии динӣ надоранд, аммо қобилият доранд Каломи Худоро таълим диҳанд.

**7,16** Боз як бори дигар суханони хубро оид ба он мехонем, ки Худованд шарафero, ки ба Ӯ мансуб дониста мешуд, рад намуд, балки кӯшиш кард Падари Худро ҷалол диҳад. Исо ҷавоб дод, ки *таълимоти Ӯ аз они* Худи *Ӯ нест, балки аз они Фиристандаи* Ӯст. Ҳар он чи Худованд Исо мегуфт ва ҳар он чи таълим медод, ҳамааш аз они Падар буд. Падар ба Ӯ мефармуд, то сухан гӯяд ва таълим диҳад. Ӯ бе хости Падар амал намекард.

**7,17** Агар яҳудиён ҳақиқатан донистан мехостанд, ки оё таълимоти Ӯ ҳаққонист ё не, инро ба осонӣ аниқ мекарданд. *Ба касе ки* ҳақиқатан *хости* Худоро *ба амал овардан мехоҳад,* Худо нишон медиҳад, ки оё таълимоти Масеҳ аз Худост ё Худованд чизи Худаш мехостагиро таълим медиҳад. Ин ҷо ба ҳар касе ки самимона ҳақиқатро донистан мехоҳад, ваъдаи аҷибе дода шудааст. Агар одам самимона ва воқеан ҳақиқатро донистан хоҳад, Худо онро ба вай нишон медиҳад. «Итоаткорӣ асбоби дарки рӯҳонист».

**7,18** Ҳар кӣ *аз худ,* яъне мувофиқи хости худ *сухан гӯяд, ҷалоли худро меҷӯяд.* Аммо дар Исои Масеҳ ҳамааш дигар хел аст. Ӯ ҷӯёи *ҷалоли* Падар буд, ки *Фиристандаи* Ӯст. Азбаски сабабҳои водоркунандаи Ӯ комилан пок буданд, рисолаи Ӯ комилан *ҳақиқат* буд. *Ва дар Ӯ норостӣ* набуд.

Исо ягона Касест, ки оид ба Ӯ чунин суханонро гуфтан мумкин аст. Ҳар кадом муаллими дигар ба хизматгузории худ ҳиссае аз худпарастӣ илова мекард. Аммо ҳар як хизматгори Худо бояд кӯшиш кунад, ки на худро, балки Худоро ҷалол диҳад.

**7,19** Сипас Худованд рӯйрост яҳудиёнро айбдор намуд. Ӯ ёдрас намуд, ки *Мусо* ба онҳо *шариатро* дод. Онҳо фахр мекарданд, ки шариат доранд. Аммо онҳо фаромӯш карданд, ки танҳо дорои шариат будан ҳеҷ фоидае намеоварад. Шариат итоат ба фармонҳоро талаб мекард. Онҳо аз шариат фахр мекарданд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо онро риоя намекард, зеро онҳо ҳатто қасди куштани Худованд Исоро доштанд. Аммо шариат қатлро манъ мекард. Онҳо дар хоҳишҳои худ нисбати Худованд Исои Масеҳ шариатро вайрон мекарданд.

**7,20** Мардум тезии борикбинонаи айбдоркуниеро, ки Исо бар онҳо ҳавола намуд, ҳис мекарданд, аммо онҳо ба ҷои он ки ҳақ будани Ӯро эътироф намоянд, ба таҳқир кардани Ӯ сар карданд. Онҳо пурсиданд, ки оё Ӯ *дев* дорад. Онҳо гуфтаи Ӯро оид ба он ки касе Ӯро *мехоҳад кушад,* рад карданд.

**7,21** Ин ҷо *Исо* воқеаи шифо ёфтани мафлуҷро дар ҳавзи Байт-Ҳасдо ёдрас намуд. Ин муъҷиза боиси нафрати роҳбарони динӣ шуд, ва маҳз аз ҳамин лаҳза онҳо Ӯро куштанӣ шуданд ва бар зидди Ӯ бофтани дасисаи маккоронаро сар карданд. Худованд ба онҳо ёдрас намуд, ки Ӯ *як кор кард, ва ҳамаи* онҳо *ҳайрон монданд.* Онҳо беш аз он ки аз муъҷиза ҳайрон шаванд, аз он ба изтироб омада буданд, ки Ӯ инро дар рӯзи шанбе мекунад.

**7,22** Шариати Мусо мефармуд, ки кӯдаки мардина бояд дар рӯзи ҳаштуми таваллудшавӣ хатна карда шавад. (Дар асл ибтидои хатна *на* аз *Мусо,* балки аз *«падарон»* аст, яъне Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб.) Ҳатто агар рӯзи ҳаштум ба *шанбе* рост ояд ҳам, яҳудиён инро монеа намеҳисобиданд ба писарро хатна мекарданд. Онҳо ҳис мекарданд, ки ин лозим аст ва Парвардигор ба онҳо иҷозат медиҳад, ки ин корро кунанд.

**7,23** Агар ба хотири итоат ба шариати Мусо писарро *дар рӯзи шанбе* хатна мекарда бошанд, пас чаро аз Худованд Исо нафрат мекунанд, ки *дар рӯзи шанбе касеро пурра шифо додааст?* Агар шариат корро аз рӯи зарурат иҷозат медода бошад, пас оё корҳои марҳаматро низ иҷозат намедиҳад?

Хатна амалиёти ночизи ҷарроҳист, ки ба кӯдаки мардина мекунанд. Албатта, он дарднок мебошад, фоидаи ҷисмонияш бошад ночиз аст. Бар хилофи ин, Худованд Исо одамро дар рӯзи шанбе пурра шифо дод. Ва яҳудиён Ӯро айбдор намуданд.

**7,24** Мушкилӣ дар он буд, ки яҳудиён ҳама чизро на аз рӯи моҳият, балки *аз рӯи зоҳир доварӣ* мекарданд. Доварии онҳо одилона набуд. Корҳои худро онҳо комилан қонунӣ меҳисобиданд, аммо агар ҳамин гуна корро Худованд кунад, он комилан нодуруст ҳисобида мешуд. Одам табиатан ҳамеша майл дорад на аз рӯи моҳияти аслӣ, балки аз рӯи зоҳир баҳо диҳад. Худованд Исо шариати Мусоро вайрон накарда буд; худи яҳудиён онро бо нафрати оштинопазири худ нисбати Ӯ вайрон мекарданд.

**7,25** То ин дам дар *Уршалим* аллакай маълум шуд, ки роҳбарони яҳудӣ бар зидди Наҷотдиҳанда суиқасд тартиб дода истодаанд. Баъзе шаҳриён мепурсиданд, ки оё Ӯ на Ҳамонест, ки роҳбарон таъқиб мекунанд.

**7,26** Онҳо фаҳмида наметавонистанд, ки чаро, дар ин ҳолат, ба Худованд Исо иҷозат дода шудааст, ки чунин кушод ва *ошкоро* сухан гӯяд. Агар ҳокимон Ӯро ин қадар бад медида бошанд, пас чаро то ҳол ба Ӯ имкон медиҳанд, ки таълим диҳад? Оё имкон дорад, ки онҳо омадаанд, то ба таври ниҳоӣ боварӣ ҳосил кунанд, ки Ӯ *ба ростӣ* Масеҳ аст, чунон ки Ӯ мегӯяд?

**7,27** Одамоне ки Исоро Масеҳ эътироф карданӣ набуданд, гумон мекарданд, ки аз куҷо омадани Ӯро медонанд. Онҳо гумон мекарданд, ки Ӯ аз Носира омадааст. Онҳо модари Ӯ Марямро медонистанд ва Юсуфро падари Ӯ меҳисобиданд. Яҳудиёни он замон чунин меҳисобиданд, ки ҳангоме Масеҳ меояд, Ӯ ногаҳон ва ба таври пурасрор зоҳир мешавад. Ба гӯшаи хотири онҳо намеомад, ки Ӯ чун Кӯдак таваллуд мешавад ва чун Одам калон мешавад.

Аз Аҳди Қадим онҳо бояд медонистанд, ки Ӯ дар Байт-Лаҳм таваллуд мешавад, аммо маълум шуд, ки онҳо оид ба ҷузъиёти омадани Масеҳ бохабар нестанд. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо гуфтанд: «Аммо *чун Масеҳ ояд, касе намедонад, ки ӯ аз куҷост»*.

**7,28** Дар ин оят Исо ба одамоне ки ҷамъ омада, сӯҳбатро гӯш мекарданд, муроҷиат намуд. Ӯ гуфт, ки дар ҳақиқат онҳо Ӯро *мешиносанд* ва медонанд, ки Ӯ *аз куҷо* омадааст. Ин ҷо, албатта, Ӯ дар назар дошт, ки Ӯро чун одам медонанд. Онҳо Ӯро чун Исои Носирӣ медонистанд, вале онҳо намедонистанд, ки Ӯ ҳамчунин Худост. Маҳз ҳаминро Ӯ дар қисми дуюми оят мефаҳмонад.

Чун одам, Ӯ дар Носира мезист. Аммо онҳо бояд ҳамчунин фаҳманд, ки Ӯ *аз Худ наомадааст,* балки аз ҷониби Худо Падар фиристода шудааст, ки онҳо *Ӯро намешино*санд. Дар ин калимаҳо Худованд Исо рӯйирост иддаои баробарӣ бо Худо мекунад. Ӯ *аз Худ,* яъне бо қудрати Худ наомадааст, ва иродаи Худро ба ҷо намеоварад. Ӯ ба ҷаҳон аз ҷониби Худои *ҳақиқӣ* фиристода шудааст, ва ин Худоро яҳудиён *намешиносанд.*

**7,29** Аммо Исо Ӯро медонист. Ӯ аз азал бо Худо буд ва дар ҳама чиз ба Худо Падар баробар буд. Ҳангоме Худованд гуфт, ки Ӯ *аз ҷониби* Худост, Ӯ на фақат аз ҷониби Худо *фиристода* шуданашро, балки онро дар назар дошт, ки ҳамеша бо Худо мезист ва дар ҳама чиз бо Ӯ баробар аст. Бо суханони «Ӯ *маро фиристодааст»* Худованд комилан аниқ нишон дод, ки Ӯ Масеҳи Худо, Тадҳиншуда аст, ки Худо Ӯро ба ҷаҳон барои иҷрои кори бозхаридан фиристодааст.

**7,30** Яҳудиён маънои суханони Исо ва изҳори Ӯро фаҳмиданд, ки Ӯ Масеҳ аст. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ин куфри рӯйирост аст, ва Ӯро ҳабс карданӣ шуданд, *вале касе даст бар Ӯ андохта* натавонист, *чунки ҳанӯз соаташ нарасида буд.* Қуввати Худо Худовандро аз андешаҳои бади одамон то даме нигаҳбонӣ мекард, ки вақти Ӯ расид, то Худро чун қурбонӣ барои гуноҳҳо пешниҳод кунад.

**7,31** Дар асл *бисёре аз мардум ба* Худованд Исо *имон оварданд.* Мо мехостем чунин фикр кунем, ки имони онҳо ҳақиқӣ буд. Муҳокимаронииҳои онҳо чунин буданд: Оё Исо барои исбот намудани Масеҳ будани Худ чизи бештаре ба амал оварда метавонист? Агар фарз кунем, ки Исо Масеҳ нест, пас ҳангоме ки *Масеҳ ояд, наход ки аз ин Шахс бештар муъҷизаҳо нишон медиҳад?* Аз саволи онҳо аён аст, ки барои онҳо муъҷизаҳои Исо далели он буданд, ки Ӯ ҳақиқатан Масеҳ аст.

### В. Душмании фарисиён (7,32-36)

**7,32** Азбаски фарисиён доимо дар байни халқ буданд, ин гуфтугузорҳои *пинҳониро шуниданд. Мардум* дар бораи Наҷотдиҳанда *гуфта,* Ӯро маҳкум намекарданд, балки махфиёна аз Ӯ ба ваҷд меомаданд. Фарисиён метарсиданд, ки мардум Исоро қабул мекунанд, ва мулозимонро фиристоданд, то ки Ӯро дастгир кунанд.

**7,33** Суханони ояти 33, бешубҳа, ба мулозимоне ки барои дастгир кардани Ӯ омада буданд, ҳамчунин ба фарисиён ва ба тамоми халқ гуфта шудаанд.

Худованд Исо талабҳои пештараи Худро паст намекард. Зиёда аз ин, Ӯ онҳоро тақвият медод. Ӯ ба яҳудиён ёдрас намуд, ки *боз муддати каме* назди онҳо буда, баъд назди Худо Падар, ки *Фиристандаи* Ӯст, бармегардад. Албатта, танҳо як худи ҳамин суханон фарисиёнро боз ҳам бештар хашмгин намуда метавонистанд.

**7,34** Замоне меояд, ки фарисиён Ӯро хоҳанд *ҷуст ва* нахоҳанд *ёфт.* Дар ҳаёти онҳо замоне фаро мерасад, ки ба Наҷотдиҳанда муҳтоҷ мешаванд, аммо хеле дер хоҳад буд. Ӯ ба осмон бармегардад, аммо онҳо аз боиси нобоварӣ ва бадбинии худ дар он ҷо бо Ӯ вохӯрда наметавонанд. Суханони ин оят аҳамияти махсус доранд. Онҳо ба мо ёдрас мекунанд, ки мафҳуми имконияти аз даст рафта вуҷуд дорад. Одамон имрӯз имконияти наҷот ёфтанро доранд. Агар онҳо ин имконияти пешниҳодшударо аз даст диҳанд, он дигар ҳеҷ гоҳ ба онҳо дода нахоҳад шуд.

**7,35** *Яҳудиён* маънои суханони Худовандро фаҳмида натавонистанд. Онҳо ба худ тасаввур карда наметавонистанд, ки Ӯ ба осмон бармегардад. Онҳо гумон мекарданд, ки шояд Ӯ ба яҳудиёне ки дар байни *юнониён* пароканда ҳастанд, ё ҳатто ба худи юнониён мавъиза карданро давом медиҳад.

**7,36** Боз ҳам онҳо аз суханони Ӯ ба ҳайрат афтоданд. Ӯ чиро дар назар дошт, ҳангоме

гуфт, ки Ӯро хоҳанд *ҷуст ва нахоҳанд ёфт?* Ӯ ба куҷо меравад, ки онҳо аз пайи Ӯ рафта наметавонанд? Ин ҷо яҳудиён кӯрии нобовариро нишон доданд. Диле ториктар аз он нест, ки қабул кардани Худованд Исоро рад мекунад. Агар бо ибораи имрӯза гӯем, «шахсе нобинотар аз он касе нест, ки дидан намехоҳад». Ин ҷо айнан ҳамин ҳолат аст. Онҳо Худованд Исоро қабул кардан намехостанд, барои ҳамин ҳам қабул карда наметавонистанд.

## Г. Ваъдаи Рӯҳулқудс (7,37-39)

**7,37** Агарчи дар Аҳди Қадим зикр нашудааст, яҳудиён чунин маросимро ба ҷо меоварданд: онҳо дар ҳар яке аз ҳафт рӯзи иди Хаймаҳо аз ҳавзи Шилӯаҳ об мекашиданд ва ба зарфи калони нуқрагӣ назди қурбонгоҳ мерехтанд. Дар рӯзи ҳаштум ин маросим ба ҷо оварда намешуд, ва аз ҳамин сабаб пешниҳоди Масеҳ оид ба додани оби ҳаёти абадӣ боз ҳам изтиробангез метофт. Яҳудиён ин маросими диниро ба ҷо меоварданд, аммо он ба дилҳои онҳо қаноатмандиро намеовард, чунки онҳо маънои аслии идро нафаҳмида буданд. Онҳо аллакай хона ба хона рафтанӣ буданд, аммо *дар рӯзи охир, ки рӯзи бузурги ид буд, Исо истода,* ба онҳо *нидо кард.* Ӯ онҳоро даъват менамуд, ки барои қаноатмандии рӯҳонӣ назди Ӯ биёянд. Ба суханони Ӯ диққати махсус диҳед. Даъват ба ҳама («ҳар кӣ») дахл дошт. Хушхабари Ӯ хабари универсалӣ буд. Касе нест, ки наҷот ёфта натавонад, агар назди Масеҳ биёяд.

Аммо, аҳамият диҳед, ки ин ҷо шарте ҳаст. Навиштаи Муқаддас мегӯяд: *«Ҳар кӣ ташна бошад».*[24] Ташнагӣ ин ҷо ба эҳтиёҷи рӯҳонӣ ишора мекунад. Агар одам надонад, ки гуноҳкор аст, вай ҳеҷ гоҳ наҷот ёфтан намехоҳад. Агар вай нафаҳмад, ки ҳалок шуда истодааст, вай ҳеҷ гоҳ ёрӣ наметалабад. Агар одам бенавоии сахти рӯҳиро дар ҳаёти худ дарк накунад, вай назди Худованд намеояд, то эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонад. Наҷотдиҳанда ҷони ташнаро даъват намуд, ки назди Ӯ ояд – на ба калисо, на ба назди мавъизагар, на ба назди об барои таъмид ё ба Шоми Худованд. Исо гуфт: *«Назди ман ояд»*. Ҳеҷ каси дигар ва ҳеҷ чизи дигар об намедиҳад. *«Назди ман ояд ва нӯшад» «Нӯшидан»* – Масеҳро шахсан қабул кардан аст. Ин ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда боварӣ кардан аст. Ин Ӯро ба ҳаёти худ роҳ додан аст, чунон ки мо стакани обро ба ҷисмҳои худ ворид мекунем.

**7,38** Ояти 38 тасдиқ мекунад, ки қабул кардани Масеҳ ва нӯшидан – бо имон овардан ба Масеҳ ҳамон як аст. Ҳамаи онҳое ки ба Ӯ имон овардаанд, ташна намемонанд ва наҳрҳои баракати рӯҳониро ба даст меоваранд, ки аз онҳо *ба сӯи дигарон* ҷорӣ мешаванд. Тамоми Аҳди Қадим таълим медиҳад, ки онҳое ки Масеҳро қабул кардаанд, худашон менӯшанд ва барои дигарон сарчашмаи баракат мешаванд (мас. Иш. 55,1). *«Аз даруни вай дарёҳои оби ҳаёт ҷорӣ мешаванд»* чунин маъно дорад: аз даруни одам, ё аз ҳаёти рӯҳонии вай дарёҳои ёрӣ ба дигарон ҷорӣ мешаванд. Стотт ишора мекунад, ки мо бо ҷуръаҳои хурд менӯшем, аммо нӯшидаамон афзун мешавад ва ба наҳрҳои азими ҷоришаванда табдил меёбад. Темпл огоҳӣ медиҳад: «Ҳеҷ касе ки аз Рӯҳи Худо пур шудааст, ин ҳадияро дар худ нигоҳ дошта наметавонад. Рӯҳ аз он ҷое ки Ӯ ҳаст, ҷорӣ мешавад; агар Ӯ ҷорӣ нашавад, пас Ӯ дар он ҷо нест».

**7,39** Ин ҷо равшан зикр шудааст, ки калимаҳои «оби ҳаёт» ба Рӯҳулқудс дахл доранд. Ояти 39 хеле муҳим аст; он таълим медиҳад, ки ҳамаи онҳое ки Худованд Исои Масеҳро қабул мекунанд, Рӯҳи Худоро низ қабул мекунанд. Дигар хел карда гӯем, гуфтаҳои баъзеҳо оид ба он ки Рӯҳулқудс дар одамон як муддат пас аз бозгашт кардани онҳо сокин мешавад, нодуруст аст. Ин оят возеҳу равшан баён мекунад, ки касоне ки ба Масеҳ имон меоваранд, Рӯҳро қабул мекунанд. Ҳангоме ки Худованд Исо ин суханонро мегуфт, Рӯҳулқудс *ҳанӯз дода нашуда буд.* Фақат баъди ба осмон баргаштани Худованд *Исо* ва *ҷалол ёфтани* Ӯ Рӯҳулқудс дар рӯзи Пантикост фуруд омад. Аз он лаҳза дар ҳар касе ки ба Худованд Исои Масеҳ имон дорад, Рӯҳулқудс сокин аст.

## Ғ. Ақидаҳои гуногун оид ба Исо (7,40-53)

**7,40-41** Баъди ин *бисёре* аз шунавандагон бовар карданд, ки Худованд Исо аниқ *ҳамон пайғамбар аст,* ки оид ба Ӯ Мусо дар Такрори Шариат 18,15.18 гуфта буд. *Дигарон* ҳатто ҳозир буданд иқрор шаванд, ки Исо *Масеҳ* аст. Аммо баъзеҳо фикр мекарданд, ки ин

номумкин аст. Онҳо фикр мекарданд, ки Исо аз Носираи Ҷалил омадааст, аммо ҳеҷ пешгӯии Аҳди Қадим пайғамбарӣ намекард, ки *Масеҳ аз Ҷалил меояд.*

**7,42** Ҳақ ба ҷониби ин яҳудиён буд, зеро онҳо чунин меҳисобиданд, ки *Масеҳ* аз деҳаи *Байт-Лаҳм* ва аз насли *Довуд* меояд. Агар онҳо меҳнати пурсуҷӯ карданро ба зимма мегирифтанд, дармеёфтанд, ки Исо дар Байт-Лаҳм таваллуд шудааст ва ба воситаи Марям авлоди бевоситаи Довуд аст.

**7,43** Аз боиси ақидаҳои гуногун ва нодонии умумӣ *дар бораи Ӯ дар байни мардум ихтилоф афтод.* Имрӯзҳо ҳам ҳамин чиз ба амал меояд. Мардон ва занон оид ба Исои Масеҳ ихтилофи ақидаҳо доранд. Баъзеҳо мегӯянд, ки вай фақат одамест чун дигарон. Дигарон фарз мекунанд, ки Ӯ бузуртарин Одамест, ки замоне дар рӯи замин зистааст. Аммо онҳое ки ба Каломи Худо бовар мекунанд, медонанд, ки «Масеҳ. Худо бар ҳама ва то абад муборак аст» (Рум. 9,5).

**7,44** Боз кӯшиши ҳабс кардани Худованд Исо карда шуд, аммо дастгир кардани Ӯ ба ҳеҷ кас муяссар нашуд. То даме ки одам ба хости Худо итоат мекунад, дар рӯи замин ҳеҷ қуввае нест, ки ба Ӯ муқобилат карда тавонад. «Мо то дами иҷро кардани кори худ намиранда ҳастем». Вақти Худованд ҳанӯз фаро нарасида буд, бинобар ин одамон ба Ӯ ҳеҷ зараре расонда наметавонистанд.

**7,45** *Фарисиён* ва *саркоҳинон нигаҳбононро* барои дастгир кардани Исо фиристода буданд. *Нигаҳбонон* баргаштанд, аммо Худованд бо онҳо набуд. *Саркоҳинон ва фарисиён* аз нигаҳбонон норозиёна пурсиданд, ки *чаро* онҳо *Ӯро наовварданд.*

**7,46** Ин ҷо ҳолате тасвир шудааст, ки одамони гуноҳкор маҷбур буданд оид ба Наҷотдиҳанда сухани нек гӯянд, агарчи худашон Ӯро қабул намекарданд. Инак суханони фаромӯшнашавандаи онҳо: *«Касе ҳаргиз монанди ин Шахс сухан нагуфтааст»*. Бешубҳа, ин нигаҳбонон сухангӯии шахсони машҳури зиёдеро шунида буданд, аммо ҳеҷ гоҳ нашунида буданд, ки касе бо чунин эътибор, файз ва хирадмандӣ сухан ронда бошад.

**7,47-48** Нигаҳбононро тарсонданӣ шуда, фарисиён дар он айбдорашон карданд, ки онҳо низ аз ҷониби Исо *гумроҳ* шудаанд. Онҳо ба нигаҳбонон ёдрас карданд, ки ҳеҷ *касе аз сардорони яҳудӣ ба Ӯ имон наовардааст.* Чӣ далели даҳшатовар! Чӣ шармандагӣ барои ҳокимони халқи яҳудӣ, ки Масеҳи омадаро шинохта натавонистанд!

Фарисиён на танҳо худашон ба Худованд Исо бовар кардан намехостанд, балки барои бовар кардани дигарон низ мухолифат мекарданд. Имрӯзҳо ҳам мо ҳамин чизро мебинем. Бисёриҳо худашон наҷот ёфтан намехоҳанд ва ҳама кори метавонистаашонро мекунанд, то ба хешовандон ва дӯстонашон имкони дарёфти онро надиҳанд.

**7,49** Ин ҷо фарисиён халқи яҳудиро ҷоҳил ва *лаънатӣ* меномиданд. Далели онҳо чунин буд: агар халқи одӣ аз Навиштаи Муқаддас чизе донад, пас бояд донад, ки Исо Масеҳ нест. Иштибоҳе бештар аз иштибоҳи фарисиён нест!

**7,50** Ин ҷо *Никӯдимус ба онҳо* муроҷиат кард. Маҳз вай *шабона назди Ӯ омада буд* ва фаҳмид, ки бояд аз олами боло таваллуд шавад. Маълум шуд, ки Нуқӯдимус ҳақиқатан ба Худованд Исои Масеҳ имон овардааст ва наҷот ёфтааст. Ин ҷо вай дар назди роҳбарони яҳудӣ ба тарафдории Худованди худ баромад кард.

**7,51** Аз нуқтаи назари Никӯдимус, яҳудиён ба Исо имконият надоданд, ки худро сафед кунад. *Шариати* яҳудиён далелҳои сафедкунандаи *касро* нашунида, вайро *маҳкум* наменамуд. Аммо роҳбарони яҳудӣ маҳз ҳамин тавр мекарданд. Оё онҳо аз далелҳо метарсиданд? Ҷавоб аён аст: онҳо метарсиданд.

**7,52** Дар ҷавоб роҳбарон ба ҳамкасби худ, яъне ба Никӯдимус дарафтоданд. Онҳо бо писханд пурсиданд, ки оё вай низ яке аз пайравони *ҷалилии* Исо нест? Магар вай намедонад, ки дар Аҳди Қадим оид ба *пайғамбаре* ки *аз Ҷалил бархезад*, чизе гуфта нашудааст. Ин ҷо, чунон ки мебинем, роҳбарон ҷоҳилии худро нишон доданд. Наход онҳо ҳеҷ гоҳ оид ба пайғамбар Юнус нахонда бошанд? Ӯ аслан аз Ҷалил буд.

**7,53** Иди Хаймаҳо аллакай ба охир расид. Одамон ба хонаҳои худ баргаштанд. Баъзеҳо Наҷотдиҳандаро рӯ ба рӯ вохӯрда, ба Ӯ бовар карданд. Аммо аксарият Ӯро рад намуданд, ва роҳбарони яҳудӣ беш аз пеш дар нияти нобуд кардани Ӯ тақвият ёфтанд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки Ӯ барои дин ва тарзи зиндагии онҳо хатарнок аст.

### Д. Зане ки дар амали зино дастгир шудааст (8,1-11)

**8,1** Ин оят бо ояти охирини боби 7 зич алоқаманд аст. Агар ин оятҳоро ба таври зайл ҷойгир намоем, алоқамандӣ беҳтар аён мегардад: «Ҳар кас ба хонаи худ рафт, *лекин Исо ба кӯҳи Зайтун рафт»*. Худованд дуруст гуфта буд: «Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошёна доранд; аммо Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад» (Луқ. 9,58).

**8,2** Кӯҳи Зайтун аз парастишгоҳ на он қадар дур воқеъ аст. *Саҳарии барвақт* Худованд Исо аз кӯҳи Зайтун поён омада, аз водии Қидрӯн гузашт, боз ба кӯҳ баромад ва ба шаҳр, ки парастишгоҳ он ҷо буд, ворид шуд. *Ва тамоми мардум назди Ӯ омаданд; ва Ӯ нишаста, онҳоро таълим медод.*

**8,3** Ин ҷо *китобдонон* (гурӯҳи одамоне ки Навиштаи Муқаддасро нусхабардорӣ мекарданд ва онро таълим медоданд) ва фарисиён хостанд Худованд Исоро ба гуфтани суханҳои нодуруст иғво диҳанд, то барои айбдор кардани Ӯ имкон пайдо кунанд. Онҳо *занеро, ки дар амали зино дастгир шуда буд, назди Ӯ оварда,* дар байни тӯда, эҳтимол, назди Исо гузоштанд.

**8,4** Онҳо ин *занро* дар амали зино гунаҳкор карданд, ки аз афташ ҳамин тавр ҳам буд. Сабабе нест, то шубҳа кунем, ки вай ҳангоми ба амал овардани ин гуноҳи даҳшатовар *дастгир шуда* буд. Аммо мард дар куҷо буд? Аксаран дар ҳаёт занҳо ҷазо медиданд, аммо мардоне ки дар ҳамин гуноҳ айбдор буданд, беҷазо мемонданд.

**8,5** Акнун ҳилаи онҳо фаҳмо мешавад. Онҳо мехостанд ки Худованд чизе бар хилофи *шариати Мусо* гӯяд. Агар онҳо ба ин муваффақ мешуданд, онҳо одамони одиро бар зидди Исо равона карда метавонистанд. Онҳо ба Исо *шариати Мусоро* ёдрас намуданд, ки мувофиқи гуфтаи он, шахсони дар амали зино дастгиршуда *бояд* то мурданашон *сангсор шаванд*. Бо ин ниятҳои бади худ фарисиён умед доштанд, ки Худованд бо ин розӣ намешавад, ва пурсиданд, ки Ӯ дар ин бора чӣ фикр дорад. Онҳо фикр мекарданд, ки мувофиқи додгустарӣ ва шариати Мусо ба ин зан дарси ибрат нишон додан лозим аст.

Чунон ки Дарбӣ мегӯяд:

*Дили фосидшудаи одамӣ ҳамин ки шахси аз худаш бадтарро мебинад, тасаллӣ меёбад ва ором мешавад. Вай фикр мекунад, ки гуноҳи бештари касе гуноҳи худи вайро сафед мекунад; шахси дигарро айбдор карда ва маҳкум намуда, вай бадкирдории худро фаромӯш мекунад. Вай, ҳамин тариқ, дар беадолатии худ шодӣ мекунад.*[25]

**8,6** Фарисиён бар зидди Худованд айбдоркунии ба ҳақиқат монанд надоштанд, ва саъй мекарданд худашон онро пайдо кунанд. Онҳо медонистанд: агар Ӯ ба зан имкони беҷазо рафтан диҳад, пас Ӯ ба шариати Мусо зид мебошад, ва онҳо Ӯро дар беадолатӣ *айбдор* мекунанд. Аммо агар Ӯ занро ба қатл маҳкум кунад, онҳо метавонанд инро чун тасдиқи муносибати душманонаи Ӯ ба ҳокимияти румӣ истифода баранд, ва низ онҳо баҳонае хоҳанд дошт, то гӯянд, ки Ӯ раҳмдил нест. Аммо *Исо хам шуда, бо ангушт бар рӯи замин менавишт.* Мо намедонем, ки Ӯ чӣ менавишт. Бисёриҳо боварии комил доранд, ки инро медонанд, аммо фактро бояд қабул кард: Навиштаи Муқаддас ба мо инро намегӯяд.

**8,7** Яҳудиён норозӣ шуда, бо исрор ҷавобро талаб мекарданд. Он гоҳ Исо ҷавоб дод, ки шариат бояд иҷро карда шавад, аммо онро фақат касоне ба ҷо оварда метавонанд, ки ҳеҷ гуноҳе накарда бошанд. Ҳамин тариқ Худованд шариати Мусоро тасдиқ мекард. Ӯ нагуфт, ки зан набояд мувофиқи шариат ҷазо бинад. Аммо дар айни ҳол Ӯ ҳамаи ин одамонро дар гуноҳкорӣ айбдор намуд. Касоне ки дигаронро доварӣ кардан мехоҳанд, бояд худашон пок бошанд.

Ин оятро бисёр вақт барои сафед кардани гуноҳҳо ба кор мебаранд. Дар айни ҳол чунин муҳокимаронӣ мекунанд: мо аз масъулият озодем, зеро ҳамаи дигарон низ ягон кори нодуруст кардаанд. Аммо ин оят гуноҳро сафед намекунад. Аниқтараш, Ӯ шахси айбдорро маҳкум мекунад, ҳатто агар айби вай ҳеҷ гоҳ фош нашуда бошад ҳам.

**8,8** *Ва боз* Наҷотдиҳанда *хам шуда, бар замин навиштан гирифт.* Ин ягона зикрест оид ба он ки Худованд чизе менавишт, аммо навиштаҳои Ӯ кайҳо аз рӯи замин пок карда шудаанд.

**8,9** Маҳкумкунандагони занро *виҷдонашон ноҳоҳат шуд.* Онҳо чизи гуфтанӣ надоштанд. Онҳо яке аз пайи дигар *рафтан*

гирифтанд. Ҳамаи онҳо, *аз пирон* сар карда то хурдон, айбдор буданд. *Ва Исо танҳо монд, ва зан* дар назди Ӯ *меистод.*

**8,10** Худованд Исо бо меҳрубонии ҳайратовар ба зан ишора кард, ки ҳамаи *даъвогаронаш* ғоиб шудаанд. Онҳо дар ҳеҷ ҷой падидор набуданд. Дар байни тӯда касе ёфт нашуд, ки ҷуръати маҳкум кардани вайро дошта бошад.

**8,11** Сухани *хоҷа* дар ин ҷо, эҳтимол, бо маънои «ҷаноб» истифода шудааст. Ҳангоме ки зан гуфт: *«Ҳеҷ касе, эй Хоҷа»,* Худованд суханони хеле хубро ба забон овард: *«Ман низ туро маҳкум намекунам; рав ва дигар гуноҳ накун».* Худованд намегуфт, ки барои ҳалли ин гуна масъалаҳо ваколати шаҳрвандӣ дорад. Ин ҳақ ба ҳокимияти румӣ тааллуқ дошт, ва Ӯ даъвои онро надошт. Ӯ занро маҳкум накард ва низ наомурзид. Ин вақт чунин кор аз ҷумлаи вазифаҳои Ӯ набуд. Аммо Ӯ огоҳӣ дод, ки вай бояд аз гуноҳ кардан худдорӣ намояд.

Аз боби якуми Инҷили Юҳанно мо фаҳмидем, ки «файз ва ростӣ ба воситаи Исои Масеҳ ба вуҷуд омад». Ва инак мисоле барои ин. Дар суханони *«Ман низ туро маҳкум намекунам»* файз ифода ёфтааст; суханони *«бирав ва дигар гуноҳ накун»* суханони ҳақиқат мебошанд. Худованд нагуфт, ки «бирав ва то ҳадди имкон камтар гуноҳ кун». Исои Масеҳ Худост, ва меъёри Ӯ камолоти мутлақ аст. Ӯ ҳеҷ гуноҳеро маъқул дониста наметавонад. Бинобар ин Исо дар назди вай меъёри идеалии Худи Худоро мегузорад.[26]

## Е. Исо, Нури ҷаҳон (8,12-20)

**8,12** Сипас ҳодисаҳо ба назди ганҷинаи парастишгоҳ мегузаранд (ниг. о. 20). Бисёр одамон ҳанӯз аз пайи Исо мерафтанд. Ӯ ба онҳо бо яке аз изҳороти бузурги зиёд оид ба Масеҳ будани Худ муроҷиат намуд. Ӯ гуфт: *«Ман нури ҷаҳон ҳастам».* Дигар хел карда гӯем, ҷаҳон дар торикии ҷаҳолат ва гуноҳ аст, он мақсади ҳақиқии ҳаётро намебинад. *Нури ҷаҳон* – Исо мебошад. Бе Ӯ аз зулмоти гуноҳ халосӣ нест. Бе Ӯ дар роҳи ҳаёт роҳнамоие нест, оид ба мақсади аслии ҳаёт ва масъалаҳои ҷовидонӣ донише нест. Исо ваъда дод, ки ҳар касе Ӯро пайравӣ кунад, *дар торикӣ роҳ намеравад, балки нури ҳаётро дорад.*

Ба Масеҳ пайравӣ кардан – ба Ӯ бовар кардан аст. Бисёр касон барғалат чунин меҳисобанд, ки метавонанд ба монанди Исо зиндагӣ кунанд, бе он ки аз олами боло зода шаванд.

Ба Масеҳ пайравӣ кардан – бо тавба назди Ӯ омадан, ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда бовар кардан ва баъд ҳаёти худро ба ихтиёри Ӯ супурдан аст. Касе ки чунин кардааст, дар ҳаёт роҳнамой, ва баъди марг умеди равшан ва дурахшон дорад.

**8,13** Акнун *фарисиён* Исоро дар он айбдор мекарданд, ки ӯ ҳуқуқи шаҳодат додан надорад. Онҳо ба Ӯ ёдрас намуданд, ки Ӯ оид ба Худ шаҳодат медиҳад. Оид ба худ шаҳодат додани одам кофӣ ҳисобида намешуд, зеро одатан одам оид ба худ ақидаи объективӣ надорад. Фарисиён аз имконияти ба суханони Исо шубҳа кардан даст намекашиданд. Онҳо ҳақиқатан ба *ростии* суханони Ӯ шубҳа мекарданд.

**8,14** Худованд эътироф мекард, ки ду ё се шоҳид доштан лозим аст. Аммо дар мавриди додашуда *шаҳодати* Ӯ мутлақо *рост* буд, зеро Ӯ Худост. Ӯ медонист, ки аз осмон омадааст ва ба осмон бармегардад. Аммо онҳо намедонистанд, ки Ӯ *аз куҷо омадааст ва ба куҷо меравад.* Онҳо гумон мекарданд, ки Ӯ мисли онҳо як одамест, ва бовар кардан намехостанд, ки Ӯ Писари абадист, ки бо Падар баробар аст.

**8,15** Фарисиён дигаронро аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ ва меъёрҳои одамӣ доварӣ мекарданд. Онҳо ба Исо чун ба дуредгар аз Носира менигаристанд ва фикреро роҳ дода наметавонистанд, ки Ӯ аз ҳама гуна одами зиндаи дигар фарқ дорад. Худованд Исо гуфт, ки Ӯ *ҳеҷ касро* доварӣ намекунад. Ин чунин маъно дорад, ки Ӯ оид ба одамон аз рӯи меъёрҳои ҷаҳонӣ доварӣ намекунад, чунон ки фарисиён мекунанд. Аммо, аниқтараш, ин чунин маъно дорад, ки мақсади ба ҷаҳон омадани Ӯ он буд, ки одамонро доварӣ накунад, балки наҷот диҳад.

**8,16** *Ва агар* ба Худованд лозим ояд, ки *доварӣ* кунад, *доварии* Ӯ одилона ва *рост* аст. Ӯ Худост, ва ҳар он чи Ӯ мекунад, бо хости *Падаре ки* Ӯро *фиристод,* мувофиқат мекунад. Худованд Исо борҳо ба фарисиён оид ба ягонагии худ бо Худо *Падар* гуфта буд. Маҳз ҳамин дар дилҳои онҳо мухолифати тундтаринро бар зидди Ӯ пайдо мекард.

**8,17-18** Худованд тасдиқ намуд, ки мувофиқи шариати Мусо *шаҳодати ду кас талаб*

*карда мешавад*. Ҳеҷ як сухани Ӯ мақсади инкор кардани ин фактро надошт.

Агар онҳо дар зарурати ду шоҳид исрор мекарда бошанд, Ӯ бо осонӣ онҳоро пешниҳод мекунад. Пеш аз ҳама, Худи Ӯ бо ҳаёти бегуноҳона ва суханоне ки аз даҳонаш мебаромаданд, *шаҳодат* медод. Сониян, *Падар* бо суханоне ки аз осмон садо доданд, ва онҳоро бисёриҳо шуниданд, ва бо муъҷизаҳое ки Ӯ ба Худованд имкони ба амал овардани онҳоро дод, оид ба Худованд Исо *шаҳодат медод*. Исо пешгӯиҳои Аҳди Қадимро оид ба Масеҳ иҷро намуд, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин шаҳодатҳои қавӣ роҳбарони яҳудӣ бовар кардан намехостанд.

**8,19** Саволи дигари фарисиён, бешубҳа, бо оҳанги таҳқиромез гуфта шуда буд. Шояд, онҳо ба тӯдаи мардум назар меандохтанд, ҳангоме пурсиданд: *«Падари Ту куҷост?» Исо* ба онҳо *ҷавоб дод, ки* онҳо на Ӯро, яъне дар асл Кӣ будани Ӯро, *на Падари* Ӯро мешиносанд. Албатта, онҳо мебоист нашинохтани Худоро бо шиддат рад мекарданд. Бо вуҷуди он, ин ҳамин тавр буд. Агар онҳо Худованд Исоро қабул мекарданд, онҳо Падари Ӯро *низ мешинохтанд*. Аммо ҳеҷ кас Худо Падарро шинохта наметавонад, магар ин ки ба василаи Исои Масеҳ. Ҳамин тариқ, Наҷотдиҳандаро рад карда, онҳо софдилона гуфта наметавонистанд, ки Худоро мешиносанд ва дӯст медоранд.

**8,20** Ин ҷо мо мефаҳмем, ки суханронии дар оятҳои пештара тасвиршуда *назди ганҷинаи ибодатгоҳ* воқеъ шуда буд. Боз ҳам Худованд бо ҳимояи илоҳӣ фаро гирифта шуда буд, ва *ҳеҷ кас Ӯро дастгир* карда наметавонист, то ки ҳабс кунад ё кушад. *Соати Ӯ ҳанӯз нарасида буд. «Соати Ӯ»* ба замоне дахл дорад, ки Ӯ дар Ҷолҷолто ба салиб кашида шуда, барои гуноҳҳои ҷаҳон мемирад.

### Ё. Баҳси яҳудиён бо Исо (8,21-59)

**8,21** Боз ҳам Исо нишон дод, ки ояндаро комилан медонад. Ӯ ба айбдоркунандагонаш гуфт, ки *меравад,* ва на танҳо марг ва дафн карда шудани Худро, балки растохез ва ба осмон рафтани Худро низ дар назар дошт. Яҳудиён Масеҳро хоҳанд *ҷуст,* ва нахоҳанд фаҳмид, ки Ӯ аллакай назди онҳо омада буд ва онҳо Ӯро рад карданд. Ӯро рад карда, онҳо *дар гуноҳ* хоҳанд *мурд*. (Калимаи «гуноҳ» дар асли юнонӣ, чун дар нусхаи тоҷикӣ низ, дар шумораи танҳо аст.) Ӯ онро дар назар дошт, ки барои онҳо роҳ ба осмон, ки Худованд ба он ҷо меравад, ҷовидона баста хоҳад буд. Ин ҳақиқати ҷиддӣ аст! Онҳое ки қабул кардани Худованд Исоро рад мекунанд, ҳеҷ умеди ба осмон рафтан надоранд. Чӣ даҳшатовар аст дар гуноҳҳо мурдан, бе Худо, бе Масеҳ, ҷовидона бе умед!

**8,22** *Яҳудиён* нафаҳмиданд, ки Худованд оид ба баргаштан ба осмон мегӯяд. «Меравам» гуфта, Ӯ чиро дар назар дорад? Оё Ӯ дар назар дорад, ки худкушӣ карда, аз нияти онҳо, ки Ӯро куштанӣ буданд, пешдастӣ мекунад? Ин гуна фикр барои онҳо аҷиб метофт. Агар *Ӯ мехоҳад Худро кушад,* пас ҳеҷ чиз монеъ шуда наметавонист, ки онҳо низ худро кушта, аз пайи Ӯ ба марг раванд. Ин боз як намунаи торикии нобоварист. Ғайриимкон метобад, ки онҳо нисбати ҳамаи он чи Наҷотдиҳанда гуфта буд, то ин дараҷа нодон ва ҷоҳил бошанд!

**8,23** Мулоҳизаҳои бемаънои онҳо оид ба имконияти худкушӣ Худовандро водор намуданд гӯяд, ки онҳо *аз поин мебошанд*. Ин чунин маъно дошт, ки онҳо оид ба ашёҳо нуқтаи назари бениҳоят маҳдуд доранд. Онҳо аз маънои таҳтуллафзии ашёи гузаранда ва ба чашм намоён болотар баромада наметавонанд. Онҳо аз ҳама гуна фаҳмиши рӯҳонӣ маҳруманд. Аммо Масеҳ – *аз боло* мебошад. Фикрҳои Ӯ, суханон ва корҳояш – илоҳӣ мебошанд. Ҳар он чи онҳоро ҷалб мекунад, аз *ин ҷаҳон* аст, дар ҳоле ки тамоми ҳаёти Исо аз он шаҳодат медиҳад, ки Ӯ аз ҷойҳое омадааст, ки назар ба ин ҷаҳон поктар аст.

**8,24** Ба чизе аҳамияти махсус доданӣ шуда, Исо бисёр вақт такрорро ба кор мебурд. Ин ҷо Ӯ бори дигар онҳоро сахт огоҳӣ дод, ки онҳо *дар гуноҳҳои худ мемуранд*. Агар онҳо бо исрор ба Ӯ бовар кардан нахоҳанд, интихоби дигаре нахоҳанд дошт. Танҳо ба воситаи Худованд Исо бахшидашавии гуноҳҳоро ба даст овардан мумкин аст, бинобар ин ҳар касе ки бо *гуноҳҳои* бахшиданашуда *мемирад,* ба осмонҳо рафта наметавонад. Калимаи «ин» дар матни юнонӣ нест. Таҳтуллафзан ин оятро чунин хондан даркор аст: «Агар имон наоваред, ки Ман ҳастам, дар гуноҳҳои Худ хоҳед мурд». Мо дар калимаҳои *Ман ҳастам* боз як изҳорро оид ба илоҳияти Исои Масеҳ мебинем.

**8,25** Яҳудиён дар таълими Исои Масеҳ тамоман сари калобаашонро гум карданд. Онҳо аз Ӯ рӯйрост пурсиданд, ки Ӯ кист. Шояд, онҳо инро бо истеҳзо мегуфтанд, гӯё дар назар доштанд: «Ту кистӣ, ки ҷуръат карда бо мо ин тавр сухан меронӣ?» Ё, шояд, онҳо ҳақиқатан шунидан мехостанд, ки Ӯ оид ба Худ чӣ мегӯяд. Ҷавоби Ӯро иқтибос овардан мешояд: *«Ҳамонам, ки аз аввал ҳам ба шумо гуфтам»*. Ӯ Масеҳи ваъдашуда буд. Яҳудиён бисёр вақт аз Ӯ ин суханонро мешуниданд, аммо дилҳои якрави онҳо ҳақиқатро қабул кардан намехостанд. Ҷавоби Ӯ маънои дигар дошта метавонад: Худованд Исо ҳақиқатан Ҳамоне буд, ки оид ба Ӯ мавъиза мекард. Суханони Ӯ бо амалҳояш ихтилоф надоштанд. Ӯ таҷассуми зиндаи ҳамаи он чизе буд, ки таълим медод. Ҳаёти Ӯ бо таълимоташ мувофиқат мекард.

**8,26** Маънои ин оят равшан нест. Эҳтимол, Худованд ин ҷо мегӯяд, ки ҳанӯз чизҳои *бисёре* оид ба ин яҳудиёни нобовар гуфта ва *доварӣ* карда метавонад. Ӯ метавонист андешаҳо ва ниятҳои бади дилҳои онҳоро ошкор намояд. Аммо Ӯ итоаткорона танҳо он чизеро мегуфт, ки Падараш ба Ӯ фармуда буд, то бигӯяд. Ва азбаски Падар *ҳақиқист,* Исо низ сазовори он аст, ки ба Ӯ бовар кунанд ва гӯш кунанд.

**8,27** Яҳудиён ин ҷо *нафаҳмиданд, ки Ӯ ба онҳо дар бораи* Худо *Падар сухан мегӯяд.* Аз афташ ақлҳои онҳо тадриҷан тира мегашт. Пештар, ҳангоме Худованд мегуфт, ки Ӯ Писари Худост, онҳо мефаҳмиданд, ки Ӯ иддаои баробарӣ бо Худо Падар дорад. Акнун бошад онҳо чунин фикр намекарданд.

**8,28** Боз ҳам *Исо* оид ба он чи бояд ба амал ояд, пешгӯӣ мекунад. Пеш аз ҳама, яҳудиён *Писари Одамро* боло мебардоранд. Ин ба марги Ӯ ба воситаи мехкӯб кардан дар салиб дахл дорад. Баъди ба салиб кашидан онҳо мефаҳманд, *ки* Ӯ Масеҳ аст. Онҳо инро аз рӯи зилзила ва торикӣ, аммо бештар аз ҳама аз рӯи ҷисман аз мурдагон зинда шудани Ӯ хоҳанд фаҳмид. Ба суханони Худованд аҳамияти махсус диҳед: *«Он вақт мефаҳмед, ки ин Ман ҳастам»*. (Дар асл ин ҷо калимаи «ин» нест.) Маънои амиқтари ин суханон чунин аст: «Он вақт *мефаҳмед, ки Ман* Худо *ҳастам»*. Он гоҳ онҳо мефаҳманд, ки Ӯ ҳеҷ чизро аз Худ, яъне мувофиқи хости Худ намекард. Аниқтараш, Ӯ ба ҷаҳон чун иҷрокунандаи хости Падараш, гӯяндаи фақат он чи *Падараш ба Ӯ таълим дод,* омад.

**8,29-30** Муносибатҳои Худованд бо Худо Падар хеле зич буданд. Ҳар яки ин гуфтаҳо изҳори баробарӣ бо Худо буд. Дар хизматгузории заминии Ӯ Падар ҳамеша дар назди Ӯ буд. Исо ҳеҷ гоҳ *танҳо* намонда буд. Ӯ ҳамеша он кореро мекард, ки ба Худо писанд меояд. Ин суханонро фақат Шахсияти бегуноҳ гуфта наметавонист. Ҳеҷ як шахсе ки аз волидони заминӣ таваллуд шудааст, наметавонад комилан ҳаққонӣ чунин суханонро ба забон оварад: *«Ман ҳамеша корҳои писандидаи Ӯро ба ҷо меоварам»*. Бисёр вақт мо корҳоеро мекунем, ки ба худамон маъқул аст. Баъзан водоркунандаи мо хоҳиши ба дӯстон писанд омадан аст. Фақат Худованд Исо ҳамеша мехост корҳои писандидаи Худоро ба ҷо оварад.

*Чун ин* суханони хуброро *гуфт,* дид, ки бисёр касон ба Ӯ имон оварданашонро эътироф карданд. Бешубҳа, баъзеҳо ҳақиқатан имон оварданд. Дигарон, аз афташ, танҳо дар сухан ба Ӯ имон доштанд.

**8,31** Он гоҳ Исо байни «шогирдон» ва *«ба ростӣ шогирдон»* фарқ гузошт. Шогирд касест, ки мегӯяд, ки аз шахсе таълим мегирад, аммо *ба ростӣ шогирд* он касест, ки худро пурра ба Худованд Исои Масеҳ бахшидааст. Имондорони ҳақиқӣ чунин нишонаи фарқкунанда доранд: онҳо *дар каломи Ӯ мемонанд.* Ин чунин маъно дорад, ки онҳо дар таълимоти Масеҳ буданро давом медиҳанд. Онҳо аз ин таълимот ба ҷонибе бероҳа намешаванд. Ба имони ҳақиқӣ ҳамеша устуворӣ хос аст. Онҳо на аз боиси дар Каломи Ӯ буданашон наҷот ёфтаанд, балки аз боиси наҷот ёфтанашон дар Каломи Ӯ мебошанд.

**8,32** Ин ҷо ба ҳамаи шогирдони ҳақиқӣ ваъда карда шудааст, ки *ростиро* хоҳанд *шинохт, ва ростӣ* онҳоро *озод мекунад.* Яҳудиён ростиро намедонистанд ва аз ҳамин сабаб дар ғуломии даҳшатнок буданд. Онҳо ғуломони ҷаҳолат, хатоҳо, гуноҳ, шариат ва хурофот буданд. Онҳое ки ҳақиқатан Худованд Исоро медонанд, аз гуноҳ озод карда шудаанд, дар нур мегарданд ва онҳоро Рӯҳулқудси Худо ҳидоят мекунад.

**8,33** Баъзе яҳудиёне ки дар наздикӣ истода буданд, суханони Худовандро оид ба он ки онҳо озод хоҳанд буд, шуниданд. Ин онҳоро хеле ранҷонд. Онҳо аз мансубияти худ ба

насли Иброҳим фахр мекарданд ва мегуфтанд, ки *ҳеҷ гоҳ ғулом* набуданд. Аммо ин ҳақиқат набуд. Исроил дар ғуломии Миср, Ашшур, Бобил, Форс, Юнон ва акнун Рум буд. Бештар аз ин, ҳангоми сӯҳбат бо Ӯ онҳо дар ғуломӣ буданд – дар ғуломии гуноҳ ва иблис.

**8,34** Ин ҷо Худованд яқинан оид ба ғуломии *гуноҳ* мегуфт. Ӯ ба шунавандагони яҳудии Худ ёдрас намуд, ки *ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст.* Яҳудиён вонамуд мекарданд, ки хеле тақводор ҳастанд, аммо ҳақиқат ин буд, ки онҳо беинсоф, беэҳтиром буда, метавонистанд қатл кунанд, – ҳатто ҳозир онҳо ният доштанд Писари Худоро аз ҳаёт маҳрум кунанд.

**8,35** Сипас Исо мавқеи *ғулом* ва *писарро дар хона* муқоиса кард. Ғулом ҳеҷ кафолате надорад, ки ҳамеша дар он ҷо зиндагӣ мекунад; барои писар бошад хона – хонаи худаш аст. Новобаста ба он ки «писар» чиро ифода мекунад – Писари Худоро ё касонеро, ки ба Масеҳ имон оварда, фарзандони Худо мешаванд, як чиз аниқ аст: Худованд Исо ба яҳудиён гуфт, ки онҳо на писарон, балки ғуломон мебошанд, ки ҳар лаҳза метавонанд аз хона берун карда шаванд.

**8,36** Шубҳае нест, ки калимаи *«Писарӣ»* дар ин оят ба Худи Худованд Исо дахл дорад. Шахсоне ки Ӯ онҳо озод кардааст, *ҳақиқатан озод* ҳастанд. Яъне касе ки назди Наҷотдиҳанда меояд ва аз Ӯ ҳаёти ҷовидонӣ мегирад, аз ғуломии гуноҳ, шариатпарастӣ, хурофот ва девпарастӣ озод аст.

**8,37** Азбаски аслу насаби одамии ин яҳудиён маълум буд, Худованд эътироф намуд, ки онҳо *фарзандони Иброҳим* ҳастанд (таҳтуллафзан «насли Иброҳим»). Аммо аён аст, ки онҳо фарзандони рӯҳонии Иброҳим набуданд. Бар хилофи Иброҳим, онҳо одамони худоҷӯй набуданд. Онҳо Худованд Исоро *куштанӣ* буданд, *чунки* таълимоти Ӯ *дар* онҳо *намеғунҷид*. Ин чунин маъно дорад, ки онҳо ба суханони Масеҳ имкон намедоданд, ки дар ҳаёташон амал кунанд. Онҳо ба таълимоти Ӯ мухолифат мекарданд ва ба ӯ самари нек намеоварданд.

**8,38** Исо ба онҳо ҳамаи он чиро, ки Падар Ӯро ба гуфтани он ваколатдор карда буд, таълим медод. Ӯ ва Падари Ӯ ба андозае як буданд, ки суханони мегуфтаи Исо суханони Худо Падар буданд. Худованд Исо ҳангоми дар ин ҷо, дар замин зистанаш Падари Худро ба таври комил ифода мекард. Аммо яҳудиён он чиро, ки аз *падари* худ омӯхта буданд, мекарданд. Худованд Исо на падари заминии онҳоро, балки, аниқтараш, иблисро дар назар дошт.

**8,39** Бори дигар яҳудиён эътироф намудани хешовандии онҳоро бо *Иброҳим* талаб намуданд. Онҳо аз он худситоӣ мекарданд, ки *падари* онҳо *Иброҳим* аст. Аммо Худованд Исо гуфт, ки агарчи онҳо аз авлоди («насли») Иброҳим (о. 37) мебошанд, онҳо *фарзандони* Ӯ нестанд. Одатан фарзандон аз ҷиҳати зоҳирӣ, роҳгардӣ ва суханронӣ ба волидони худ монанд мешаванд. Дар ин яҳудиён ҳама чиз дигар хел буд. Ҳаёти онҳо тамоман мухолифи ҳаёти Иброҳим буд. Агарчи онҳо ҷисман аз авлоди Иброҳим буданд, ахлоқан онҳо фарзандони иблис буданд.

**8,40** Худованд нишон додани фарқҳои равшани байни онҳо ва Иброҳимро давом дод. Исо ба ҷаҳон омада, ғайр аз *ростӣ* чизи дигаре намегуфт. Таълимоти Ӯ онҳоро ранҷонд ва саргум кард, бинобар ин онҳо мехостанд Ӯро бикушанд. *Иброҳим чунин коре накардааст.* Вай ҳамеша ҷонибдори ростӣ ва адолат буд.

**8,41** Комилан равшан буд, ки падари онҳо кӣ буд, зеро онҳо айнан монанди вай амал мекарданд. Онҳо *корҳои падари худро*, яъне иблисро, мекарданд. Яҳудиён, эҳтимол, Худовандро дар он айбдор мекарданд, ки *аз зино таваллуд ёфтааст.* Аммо бисёр муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас дар калимаи *«зино»* ишораро ба бутпарастӣ мебинанд. Яҳудиён мегуфтанд, ки ҳеҷ гоҳ зинои рӯҳонӣ накарда буданд. Онҳо ҳамеша ба *Худо* вафодор буданд. Ӯ ягона Касест, ки онҳо Ӯро *Падари* худ эътироф менамуданд.

**8,42** Худованд ғалат будани иддаоҳои онҳоро нишон дода, ёдрас намуд, ки агар онҳо Худоро дӯст медоштанд, низ Он Касеро, ки Худо *фиристод, дӯст медоштанд.* Изҳори дӯст доштани Худоро намудан ва дар айни замон аз Худованд Исои Масеҳ нафрат доштан тамоман бемаъност. Исо гуфт, ки Ӯ *аз ҷониби Худо баромадааст.* Ин чунин маъно дорад, ки Ӯ Писари ягона ва абадии Худост. Вақти муайяни таваллуди Писари Худо набуд, ин муносибатҳои Писару Падар аз азал вуҷуд доштанд. Ӯ ҳамчунин ба яҳудиён ёдрас намуд, ки *аз ҷониби Худо омадааст.* Аз афташ, Ӯ ин ҷо

мавҷудияти азалии Худро изҳор менамуд. Ӯ хеле пеш аз он ки ба замин омад, дар осмон бо Падар сукунат дошт. Аммо Падар Ӯро барои наҷот додани ҷаҳон *фиристод,* ва Ӯ чун Писари итоаткор ба ин ҷо омад.

**8,43** Дар ояти 43 фарқи байни сухан ва *калом* баён карда шудааст.[27] *Каломи* Масеҳ ба тамоми таълимот дахл дорад. «Сухан» калимаҳоеро ифода мекунад, ки Ӯ ҳақиқатҳои Худро бо онҳо баён мекард. Онҳо ҳатто суханони Ӯро *фаҳмида* наметавонистанд. Ҳангоме ки Ӯ оид ба нон сухан меронд, онҳо танҳо оид ба нони аслӣ фикр мекарданд. Ҳангоме ки Ӯ оид ба об мегуфт, онҳо ҳеҷ гоҳ онро ба оби рӯҳонӣ нисбат намедоданд. Чаро онҳо суханони Ӯро фаҳмида наметавонистанд?

Сабаб дар он аст, ки онҳо таълимоти Ӯро таҳаммул кардан намехостанд.

**8,44** Акнун Худованд Исо ошкоро ба онҳо гуфт, ки *падари* онҳо *иблис аст.* Ин маънои онро надошт, ки онҳо аз иблис ҳамон тавре таваллуд шудаанд, ки имондорон аз Худо таваллуд шудаанд. Аниқтараш, чунон ки Августин гуфтааст, ин чунин маъно дошт, ки онҳо дар тақлид фарзандони иблис буданд. Онҳо монанди вай зиста, робитаи худро бо вай нишон доданд. Суханони: *«... ва шумо орзуҳои падари худро ба амал овардан мехоҳед»* ниятҳо, ё майлҳои дилҳои ононро ифода мекунанд.

Иблис *аз ибтидо одамкуш буд.* Вай ба Одам ва тамоми инсоният марг овард. Вай на танҳо *одамкуш,* балки *дурӯғгӯй* низ буд. Вай *дар ростӣ устувор намонд, зеро ки дар вай ростӣ нест.* Вақте ки вай дурӯғ мегӯяд, *аз они худро мегӯяд.* Дурӯғ қисми моҳияти вай буд. *Вай дурӯғгӯй ва падари дурӯғ аст.* Яҳудиён маҳз дар ҳамин чиз ба иблис тақлид мекарданд. Онҳо одамкуш буданд, зеро нияти дилҳои онҳо аз он иборат буд, ки Писари Худоро кушанд. Онҳо дурӯғгӯй буданд, зеро мегуфтанд, ки падари онҳо Худост. Онҳо иддао мекарданд, ки халқи рӯҳонии Худо мебошанд, аммо ҳаёташон фосид буд.

**8,45** Онҳое ки зери ҳукми дурӯғанд, қобилияти қабул кардани ҳақиқатро гум мекунанд. Дар назди ин одамон Худованд Исо истода буд, ки ҳамеша *сухани рост* мегуфт. Ва онҳо ба Ӯ *имон намеоварданд.* Ин далели он буд, ки моҳияти ҳақиқии онҳо фосидшуда буд. Ленскӣ хеле хуб навиштааст:

*Ҳангоме ки ақли вайроншуда бо ҳақиқат рӯ ба рӯ мешавад, вай танҳо як чизро меҷӯяд: рад кардан. Вақте вай бо чизе вомехӯрад, ки аз ин ҳақиқат фарқе дорад, вай сабаберо меҷӯяд, то ин фарқро қабул кунад.*[28]

**8,46** Фақат Масеҳ, Писари бегуноҳи Худо, ҳақ дошт чунин суханонро ба забон оварад. Дар ҷаҳон ҳеҷ касе нест, ки Ӯро ақаллан дар ягон гуноҳ айбдор карда тавонад. Дар хислати Ӯ ягон айбе набуд. Ӯ дар ҳамаи корҳо комил буд. Ӯ фақат сухани ростро мегуфт, бо вуҷуди ин онҳо *имон намеоварданд.*

**8,47** Одаме ки ҳақиқатан Худоро дӯст медорад, *суханони Худоро* мешунавад ва ба онҳо итоат мекунад. Яҳудиён хабари Исоро рад карданд, ва бо ҳамин нишон доданд, ки дар асл онҳо ба *Худо* тааллуқ надоранд. Аз ин оят аён аст, ки Худованд Исо суханони Худи Худоро эълон менамуд. Ин ҷо ҳеҷ гуна нодурустфаҳмӣ буда наметавонад.

**8,48** Боз як бор *яҳудиён* ва забони таҳқир рӯ оварданд, зеро ба суханони Худованд дигар хел ҷавоб дода наметавонистанд. Ӯро *сомарӣ* номида, онҳо тӯҳмати бемаънои этникӣ мекарданд. Ин монанди он аст, ки онҳо гӯянд, ки Ӯ яҳудии пурра набуда, душмани Исроил аст. Онҳо ҳамчунин Ӯро дар он айбдор мекарданд, ки Ӯ *дев* дорад. Бешубҳа, онҳо бо ин дар назар доштанд, ки Ӯ аз ақл бегона аст. Мувофиқи ақидаи онҳо, фақат касе ки нуқсони ақлӣ дорад, метавонад монанди Ӯ чунин изҳорот кунад.

**8,49** Аҳамият диҳед, ки *Исо* ба душманони Худ чӣ *ҷавоби* баркаш кардашуда дод. Таълимоти Ӯ на суханони девона, балки суханони Он Касест, ки саъй менамояд Худо *Падарро эҳтиром кунад.* Ва онҳо Ӯро на аз боиси он беобрӯй мекарданд, ки гӯё девона бошад, балки аз боиси он ки манфиатҳои Падари осмонӣ Ӯро пурра фаро гирифта буданд.

**8,50** Онҳо мебоист медонистанд, ки Ӯ тамоман *ҷалоли Худро намеҷӯяд.* Мақсади ҳамаи он чи Ӯ мекард, ин буд: Падари Худро ҷалол додан. Ҳатто онҳоро дар беҳурматӣ нисбати Ӯ айбдор карда, Ӯ дар назар надошт, ки толиби *ҷалоли Худ* аст. Сипас Худованд илова намуд: *«Яке ҳаст, ки меҷӯяд ва доварӣ мекунад»*. Ин суханон, албатта, ба Худо дахл доранд. Худо Падар барои Писари дӯстдоштаи Худ ҷалол меҷӯяд ва ҳамаи онҳоеро, ки

қобили ҷалол додани Ӯ набуданд, маҳкум хоҳад кард.

**8,51** Ин ҷо боз яке аз изҳороти боазамати Худованд Исо баён шудааст. Ин суханонро фақат Он Касе гуфта метавонист, ки Худ Худост. Пеш аз изҳорот чунин суханони шинос ва қатъӣ меоянд: *«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям»*. Исо ваъда дод, ки ҳар кӣ *каломи* Ӯро *риоя кунад, то абад маргро намебинад.* Ин ба марги ҷисмонӣ дахл надорад, зеро ҳар рӯз бисёр касоне ки ба Худованд Исо имон доранд, мемиранд. Ин ҷо оид ба марги рӯҳонӣ гуфта шудааст. Худованд мегуфт, ки ононе ки ба Ӯ имон доранд, аз *марги* ҷовидонӣ раҳоӣ ёфтаанд ва ҳеҷ гоҳ азобҳои даҳшатовари дӯзахро аз сар намегузаронанд.

**8,52** *Яҳудиён* аз ин гуфтаҳо боз ҳам бештар боварӣ ҳосил намуданд, ки Исо «аз ақл бегона шудааст». Онҳо ба Ӯ ёдрас намуданд, ки *Иброҳим ва пайғамбарон мурданд.* Пас чӣ гуна Ӯ метавонист гӯяд, ки ҳар кӣ *каломи* Ӯро *риоя кунад, то абад маргро намебинад?* Ин чизҳоро чӣ тавр бо ҳам муросо кунондан мумкин аст?

**8,53** Онҳо фаҳмиданд, ки моҳиятан Худованд мегуфт, ки Ӯ *аз падари* онҳо *Иброҳим ва аз пайғамбарон бузургтар* аст. Иброҳим ҳеҷ гоҳ касеро аз марг раҳоӣ надода буд ва худро аз марг раҳо карда наметавонист. Пайғамбарон низ наметавонистанд. Аммо инак Касе пайдо шудааст, ки ба гуфташ, пайравони Худро аз марг раҳо карда метавонад. Аз афташ, Ӯ Худро аз падарон бузургтар меҳисобад.

**8,54** Яҳудиён гумон мекарданд, ки Исо ба Худ диққатро ҷалб карданист. *Исо* онҳоро бовар кунонд, ки ин тавр нест. Ӯро *Падар,* Худи *Худо* ҷалол медиҳад, ҳамоне ки онҳо мегуфтанд, гӯё Ӯро дӯст медоранд ва ба Ӯ хизмат мекунанд.

**8,55** Яҳудиён мегуфтанд, ки Падари онҳо Худост, аммо дар асл онҳо Ӯро нашинохта буданд. Акнун онҳо бо он Касе ки Худо Падарро *мешиносад,* бо Касе ки бо Ӯ баробар аст, гап мезананд. Онҳо мехостанд, ки Исо аз баробарии Худ бо Падар даст кашад, аммо Ӯ гуфт, ки агар чунин кунад, *дурӯғгӯй* мешавад. Ӯ Худо Падарро мешинохт ва *каломи Ӯро* риоя мекард.

**8,56** Азбаски яҳудиён ҳамчун далел ба Иброҳим истинод оварданро давом медоданд, Худованд ба онҳо ёдрас намуд, ки *Иброҳим шод буд, ки рӯзи* омадани Масеҳро *бинад* ва ӯ ҳақиқатан бо имон Ӯро *дид ва шод гардид.* Худованд Исо мегӯяд, ки Ӯ Касест ки Иброҳим интизораш буд. Имони Иброҳим дар омадани Масеҳ асос ёфта буд.

Кай Иброҳим «рӯзи Масеҳ»-ро дид? Шояд, ин ҳангоме рӯй дод, ки вай Исҳоқро ба кӯҳи Мӯриё овард, то ба Худо чун қурбонии сӯхтанӣ пешкаш намояд. Он вақт тамоми саҳнаи марг ва растохези Масеҳ нишон дода шуда буд, ва шояд, Иброҳим инро ба воситаи имон дид. Ҳамин тариқ, Худованд Исо мегуфт, ки ҳамаи пешгӯиҳои Аҳди Қадим оид ба Масеҳ иҷро шудаанд.

**8,57** Боз як бор *яҳудиён* зоҳир намуданд, ки қобилияти фаҳмидани ҳақиқатҳои илоҳиро надоранд. Исо гуфт: «Иброҳим рӯзи маро дид ва шод гардид», онҳо бошанд ҷавоб доданд, ки Ӯ чунон гап мезанад, гӯё Иброҳимро дида бошад. Ин ҷо фарқи калон ҳаст. Худованд Исо даъвогари мақоми баландтар аз мақоми Иброҳим буд. Фикрҳо ва умедҳои Иброҳим ба Ӯ нигаронида шуда буданд. Иброҳим бо имон интизори рӯзи Масеҳ буд.

Яҳудиён инро фаҳмида наметавонистанд. Онҳо чунин андеша мекарданд: Исо *ҳанӯз панҷоҳсола ҳам нест.* (Дар асл Ӯ дар он вақт фақат тақрибан 33-сола буд.) Чӣ тавр Ӯ *Иброҳимро дида* метавонист?

**8,58** Худованд Исо ин ҷо боз як изҳоре оид ба он кард, ки Ӯ Худост. Ӯ чунин нагуфт: *«Пеш аз он ки Иброҳим бошад, Ман будам»*. Ин маънои онро дошта метавонист, ки Ӯ то Иброҳим ба вуҷуд омад. Аммо Ӯ номи Худоро ба кор бурд: *Ман ҳастам.* Худованд Исо аз азал бо Худо сукунат дошт. Замоне нест, ки Ӯ пайдо шуда бошад ва ё Ӯ вуҷуд надошта бошад. Бинобар ин Ӯ гуфт: *«Пеш аз он ки Иброҳим бошад, Ман ҳастам»*.

**8,59** Ҳамон дам яҳудиён Исоро то мурданаш заданӣ буданд, *лекин Ӯ пинҳон шуд ва аз ибодатгоҳ берун шуд.* Яҳудиён хеле хуб фаҳмиданд, ки *«Пеш аз он ки Иброҳим бошад, Ман ҳастам»* гуфта, чиро дар назар дошт. Ӯ мегуфт, ки Ӯ Яҳува аст! Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо сангҳо гирифтанд, то ба Ӯ партоянд. Мувофиқи ақидаи онҳо, ин куфргӯӣ буд. Онҳо эътироф кардан намехостанд, ки Масеҳ дар байни онҳо истода буд. Ба онҳо Он Касе ки бар онҳо подшоҳӣ мекунад, даркор нест!

### Ж. Муъҷизаи шашум: шифо ёфтани кӯри модарзод (9,1-12)

**9,1** Ин воқеа, шояд, баъди воқеаи дар боби 8 тасвиршуда, ҳангоми аз ҳудуди парастишгоҳ берун шудани *Исо* ва ё баъди муддате ба амал омад. Зикри *кӯри модарзод* будани шахс беилоҷ будани ҳолати вай ва ҳайратовар будани муъҷизаеро нишон медиҳад, ки ба вай биноиро бозгардонд.

**9,2** *Шогирдон* саволи аҷибе доданд. Онҳо пурсиданд, ки сабаби нобиноии шахс дар чист: гуноҳи худаш ё гуноҳи волидонаш? Чӣ тавр гуноҳи вай сабаби кӯрӣ буда метавонист, дар ҳоле ки вай *кӯр зоида шудааст?* Оё онҳо ба таҷассуми нав бовар мекарданд, ба он ки ҷонҳои мурдагон ба замин дар ҷисми нав бозмегарданд? Шояд, онҳо тахмин мекарданд, ки вай ҳамчун ҷазо барои гуноҳҳое ки баъди таваллудаш содир мекунад ва онҳо ба Худо пешакӣ маълуманд, кӯр таваллуд шудааст. Як чиз аён аст: онҳо гумон мекарданд, ки кӯрии вай бевосита бо гуноҳ дар оила вобаста буд. Мо медонем, ки на ҳамеша чунин аст. Агарчи дар ниҳояти кор ҳамаи бемориҳо, азобҳо ва марг аз боиси гуноҳ ба ҷаҳон дохил шудаанд, нодуруст аст, ки дар ҳар як ҳолати ҷудогона одам аз боиси гуноҳҳояш азоб мекашида бошад.

**9,3** Исо онро дар назар надошт, ки на ин шахс ва на волидонаш гуноҳ накардаанд. Аниқтараш, Ӯ дар назар дошт, ки кӯрӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳ дар ҳаёти онҳо нест. Худо ин шахсро аз таваллуд аз биноӣ маҳрум намуд, то ки дар вай *корҳои* пурқудрати *Худо* зоҳир шаванд. Исои Масеҳ ҳанӯз то зода шудани ин шахс медонист, ки ба ин чашмони кӯр биноиро бозмегардонад.

**9,4** Наҷотдиҳанда дарк менамуд, ки ба Ӯ се соли хизмат муқаррар карда шудааст, ва баъди он Ӯ ба салиб кашида мешавад. Ҳар як лаҳзаи ин вақтро барои аъмоли Худо истифода бурдан лозим буд. Дар назди Ӯ шахси кӯри модарзод буд. Худованд Исо бояд дар Ӯ муъҷизаи шифоро зоҳир созад, агарчи дар рӯзи шанбе бошад ҳам. Вақти хизмати Ӯ ба зудӣ анҷом меёбад, ва Ӯ дигар дар замин нахоҳад буд. Ин огоҳкунии ҷиддиест барои ҳар як масеҳӣ, ки ҳар рӯзи зиндагияш босуръат гузашта истодааст, ва *шаб меояд,* вақте ки хизмати заминии мо барои ҳамеша тамом мешавад. Бинобар ин мо бояд вақти бароямон додашударо сарфи хизмати боэҳтимом ба Худованд намоем.

**9,5** Ҳангоме ки Исо *дар ҷаҳон* дар симои одамӣ мезист, Ӯ *нури* аён ва махсуси *ҷаҳон* буд. Вақте ки Ӯ муъҷизаҳо ба амал меовард ва одамонро таълим медод, онҳо *нури ҷаҳонро* дар пеши чашмонашон медиданд. Худованд Исо ҳозир ҳам нури ҷаҳон аст; ба ҳамаи онҳое ки назди Ӯ меоянд, ваъда додааст, ки дар торикӣ роҳ нахоҳанд рафт. Аммо маҳз дар ҳамин оят Худованд оид ба хизмати Худ дар замин мегӯяд.

**9,6** Ба мо гуфта нашудааст, ки чаро Исо *гил* ва *оби даҳан* омехта, *ба чашмони кӯр молид.* Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки шахс чашмон надошт, ва Худованд Исо онҳоро офарид. Дигарон тахмин мекунанд, ки ба кӯр биноиро баргардонда, Худованд Исо чун ҳарвақта усулҳоеро ба кор бурд, ки ҷаҳон аз он нафрат мекунад. Барои амалӣ гардондани мақсадҳои Худ Ӯ чизҳои бетаъсир ва камаҳамиятро ба кор мебурд. Ҳатто имрӯзҳо ҳам, ба шахсони рӯҳан нобино биноиро бозгардонда, Худо мардон ва занони аз хоки замин офаридашударо ба кор мебарад.

**9,7** Худованд имони шахси кӯрро ба амал кардан даъват намуда, ба вай гуфт, ки равад *ва дар ҳавзи Шилӯаҳ шустушӯй кунад.* Бо вуҷуди кӯрияш, вай, эҳтимол, дар куҷо будани ҳавзро медонист, ва ҳамон тавре кард, ки ба вай гуфта шуд. Навиштаи Муқаддас ба калимаи «Шилӯаҳ» ки маънояш «Фиристода» аст, аҳамият медиҳад. Эҳтимол, он рамзи Масеҳ аст (Касе ки «фиристода» шудааст). Касе ки ин муъҷизаро ба амал овард, аз ҷониби Худо Падар ба ҷаҳон фиристода шуда буд. Кӯр ба ҳавз *рафта, шустушӯй кард* ва биноӣ пайдо намуд. Биноии шахсе ки то ин дам ҳеҷ чизро намедид, барқарор карда шуд. Муъҷиза дар як лаҳза ба амал омад, ва шахс фавран дида тавонист. Чӣ ҳодисаи ғайричашмдошт ва ҷолиб – бори аввал дидани ҷаҳоне ки вай дар он мезист!

**9,8-9** *Ҳамсоягони* ин шахс ҳайрон шуданд. Онҳо бовар карда наметавонистанд, ки ин ҳамон касест, ки *нишаста, гадоӣ мекард.* (Шахси наҷотёбанда низ, эҳтимол, чунин роҳро тай мекунад. Ҳамсоягонамон бояд дигаргуниро дар мо пайхас намоянд.) *Баъзе* исрор мекарданд, ки ин ҳамон кас аст. Аммо *баъзе* на он қадар дилпур буданд, аммо тахмин

мекарданд, ки як андоза монандӣ ҳаст. Аммо шахс ҳамаи шубҳаҳоро бартараф карда, гуфт, ки вай ҳамон кӯри модарзод аст.

**9,10** Ҳар боре ки Исо муъҷиза ба амал меовард, он дар дили одамон ҳар гуна саволҳоро пайдо мекард. Бисёр вақт ин саволҳо ба имондор имкон медоданд, ки оид ба Худованд шаҳодат диҳад. Ин ҷо одамон аз шахс пурсиданд, ки ин *чӣ гуна* ба амал омад.

**9,11** Шаҳодати вай сода, аммо боварибахш буд. Вай оид ба шифоёбӣ нақл карда, нисбати Касе ки ин муъҷизаро ба амал овард, изҳори қадршиносӣ намуд. Он вақт ин одам ҳанӯз дарк намекард, ки Худованд Исо кист. Вай Ӯро фақат зикр намуд: *«Касе ки Исо номида мешавад»*. Аммо дертар фаҳмиши ин шахс афзуд, ва вай омад, то дар бораи Исо бештар донад.

**9,12** Оид ба Худованд Исои Масеҳ шаҳодат дода, мо низ аксаран дар дилҳои дигарон хоҳише пайдо мекунем, ки омада Ӯро дарк кунанд.

### 3. Мухолифати афзудаистодаи яҳудиён (9,13-41)

**9,13** Эҳтимол, баъзе яҳудиён аз ин муъҷиза самимона рӯҳбаланд шуда, *ин одамро, ки пештар кӯр буд, назди фарисиён бурданд.* Онҳо, шояд, намефаҳмиданд, ки шифо ёфтани ин шахс роҳбарони диниро то чӣ андоза ба хашм меоварад.

**9,14** Исо дар *рӯзи шанбе* муъҷиза ба амал овард. Фарисиён, ки нуқтаи назари танқидӣ доштанд, намефаҳмиданд, ки Худо ҳеҷ гоҳ намехост рӯзи шанбе дар роҳи зоҳир кардани марҳамат ва некӣ монеае бошад.

**9,15** Шахси нобино боз як имконияте пайдо кард, ки оид ба Исо шаҳодат диҳад. Ҳангоме ки *фарисиён,* дар навбати худ, *аз вай пурсиданд, ки чӣ гуна бино шуд,* онҳо боз ҳамон нақли одиро шуниданд. Ин дафъа шахс номи Исоро зикр накард, аз афташ, на аз тарс, балки фаҳмид, ки ҳама медонанд, ки ин кори азимро Кӣ ба ҷо овард. То ин дам Худованд Исо дар Уршалим машҳур гашта буд.

**9,16** Боз *ихтилоф* ба миён омад: фарисиён ақидаҳои гуногун доштанд, ки Исо кист. *Баъзе аз фарисиён* ғаюрона изҳор намуданд, ки Исо наметавонад Марди Худо бошад, зеро *шанберо* нигоҳ намедорад. *Дигарон* мегуфтанд, ки шахси гунаҳкор чунин муъҷизаҳои ҳайратовар ба амал оварда наметавонад. Исо бисёр вақт боиси ихтилофи ақидаҳои одамон мегардид. Одамон маҷбур мешуданд тараферо ҷонибдорӣ кунанд: ё тарафдори Ӯ, ё зидди Ӯ.

**9,17** Фарисиён аз ин шахси собиқ *кӯр* пурсиданд, ки вай оид ба Исо чӣ фикр дорад. Вай ҳанӯз намефаҳмид, ки Исо Худост. Аммо имони вай то андозае афзуд, ки вай Исоро *пайғамбар* номид. Вай чунин ақида дошт, ки Касе ки ба вай биноиро бозгардондааст, аз ҷониби Худо бо хабари илоҳӣ фиристода шудааст.

**9,18-19** Бисёр *яҳудиён* ҳанӯз ҳам ба муъҷизаи воқеъшуда *бовар кардан* намехостанд. Онҳо *падару модари* шахси биношударо *даъват намуданд,* то шунаванд, ки онҳо чӣ мегӯянд.

Кӣ беҳтар аз падару модар медонад, ки фарзанди онҳо кӯр таваллуд шудааст? Шаҳодати онҳо ҳама чизро аниқ хоҳад кард. Фарисиён *пурсиданд,* ки оё ин *писари* онҳост ва *чӣ тавр* вай бино шуд.

**9,20-21** Шаҳодати *падару модар* тасдиқ мекард: ин писари онҳост ва онҳо ҳамаи ин солҳо аз боиси *кӯрии* вай андӯҳгин буданд.

Аммо онҳо намехостанд беш аз он чи гуфтанд, чизе бигӯянд. Онҳо намедонистанд, ки биноии писарашон чӣ тавр барқарор шудааст, ва *кист* он касе ки чашмони вайро воз кардааст. Онҳо фарисиёнро сӯи писарашон равона карданд, то аз вай пурсанд, зеро фақат вай метавонад *аҳволи худро баён кунад.*

**9,22-23** Ояти 22 тарси *падару модарро* мефаҳмонад. Онҳо шунида буданд, ки ҳар кӣ Исоро Масеҳ эътироф кунад, *аз куништ ронда* мешавад. Ин гуна ҷудокунӣ барои ҳар як яҳудӣ мушкилии калоне буд. Онҳо чунин нархро пардохтан намехостанд. Эътироф намудани Исо – аз воситаҳои рӯзгузаронӣ маҳрум шудан ва ҳамчунин аз даст додани тамоми афзалиятҳои дини яҳудиро ифода мекард.

*Аз ин сабаб,* аз тарс дар назди роҳбарони яҳудӣ, *падару модар* масъулиятро барои шаҳодат бар дӯши писарашон ниҳоданд.

**9,24** Ҷумлаи *«Худоро ҷалол деҳ»* ду маъно дошта метавонад. Пеш аз ҳама, ин шакли қасам буда метавонад. Шояд, фарисиён мегуфтанд: «Акнун росташро бигӯй; *мо медонем, ки он Шахс гунаҳкор аст»*. Аммо он ҳамчунин метавонад маънои онро дошта бошад, ки

фарисиён талаб карданд, то барои ин муъҷиза Худоро ҷалол диҳад, аммо Исоро ҳамд нагӯяд, зеро Ӯро гуноҳкор меҳисобиданд.

**9,25** Нобарорӣ фарисиёнро дар ҳар қадам дунболагир буд. Ҳар боре ки онҳо Худованд Исоро бадном карданӣ мешуданд, кор бо он меанҷомид, ки ба Ӯ ҷалоли бештар дода мешуд. Шаҳодати шахси биношуда ин ҷо хеле хуб аст. Вай оид ба шахсияти Исо чизи зиёд *намедонист,* аммо як чизро медонист: вай *кӯр буд ва акнун бино* аст. Ин далелро ҳеҷ кас инкор карда наметавонист.

Худи ҳамин ба онҳое ки аз олами боло таваллуд шудаанд, рӯй медиҳад. Ҷаҳон метавонад шубҳа кунад, масхара кунад, таҳқир намояд, аммо шаҳодати моро инкор карда наметавонад, ки мо ҳалокшаванда будем, аммо акнун аз рӯи файзи Худо наҷот ёфтаем.

**9,26-27** Фарисиён *боз* аз вай ҳамаи ҷузъиёти воқеаро пурсиданд. Акнун табъи шахси биношуда хира шуд. Вай ба онҳо ёдрас кард, ки *аллакай ба* онҳо *гуфт, аммо гӯш надоданд. Чаро дубора шунидан* мехоҳанд? Шояд, онҳо *шогирдони* Ӯ шудан мехоҳанд? Яқинан ин саволи вай кинояомез буд. Вай хуб медонист, ки онҳо аз Исо нафрат доранд ва ҳеҷ намехоҳанд пайрави Ӯ шаванд.

**9,28** Чунин мақоле ҳаст: «Агар далел набошад, худи даъвогарро айбдор мекунанд». Ин ҷо низ мо ҳаминро мебинем. Пас аз он ки кӯшишҳои бесубот гардондани шаҳодати ин шахс барбод рафтанд, фарисиён ба сарзаниш намудани вай сар карданд. Онҳо вайро дар он айбдор карданд, ки вай *шогирди* Исо аст, гӯё ин дар ҷаҳон бадтарин корест! Сипас онҳо гуфтанд, ки *шогирдони Мусо* ҳастанд, гӯё ин беҳтарин корест аз байни ҳамаи корҳои имконпазир!

**9,29** Фарисиён гуфтанд, ки *Худо ба Мусо сухан гуфт,* аммо оид ба Исо бошад онҳо нописандона гап мезаданд. Агар онҳо ба Навиштаҳои Мусо бовар мекарданд, он гоҳ Исоро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекарданд. Ва агар онҳо ақаллан андаке фикр мекарданд, пас мефаҳмиданд, ки Мусо ҳеҷ гоҳ ба кӯр биноиро барнагардондааст. Шахси аз Мусо бузургтар дар байни онҳо буд, ва онҳо инро намефаҳмиданд.

**9,30** Кинояи шахси биношуда боз ҳам нешдортар шуд. Фарисиён инро интизор набуданд. Шахси биношуда дар ҷавоби онҳо гуфт: «Шумо сардорони Исроил ҳастед. Шумо муаллимони халқи яҳудӣ мебошед. Бо вуҷуди ин дар байни шумо Одаме ҳаст, ки қудрати воз кардани чашмонро дорад, ва *шумо аз куҷо будани Ӯро намедонед.* Шарм доред!»

**9,31** Акнун шахси биношуда дар шаҳодати худ далертар мешавад. Имони вай афзуд. Вай ба онҳо ёдрас кард, ки *Худо дуои гуноҳкоронро намешунавад* ва ба воситаи онҳо муъҷизаҳо намеофарад. Худо бадкирдоронро таҳсин намекунад ва ба ин гуна одамон қудрати иҷро намудани корҳои азимро намедиҳад. Аммо касе ки Худоро иззат менамояд, шоёни таҳсини *Худо* мегардад ва боварӣ пайдо мекунад, ки Худо вайро мешунавад.

**9,32-33** Ин одам фаҳмид, ки дар тӯли таърихи инсоният вай ягона *кӯри модарзод* буд, ки биноӣ пайдо кард. Вай фаҳмида наметавонист, ки чаро фарисиён, шоҳиди ин муъҷиза шуда, ба Шахсе ки ин муъҷизаро ба амал овард, хурдагирӣ мекунанд.

*Агар* Худованд Исо *аз ҷониби Худо намебуд,* Ӯ ҳеҷ гоҳ ин гуна муъҷизаҳои фавқуттабиӣ ба амал оварда *наметавонист.*

**9,34** Боз ҳам фарисиён ба сарзаниш намудани шахс сар карданд. Онҳо ақидаеро баён карданд, ки кӯрии ин шахс натиҷаи бевоситаи гуноҳҳои вай буд. Вай чӣ ҳақ дорад, ки онҳоро *таълим диҳад?* Дар асл вай пурра ҳуқуқ дошт ба онҳо таълим диҳад, зеро чунон ки Райл гуфтааст: «Шогирдии Рӯҳулқудс назар ба шахсони сарватманд ва маълумотнок бештар дар байни одамони табақаи поёнӣ дида мешавад». Ҳангоме гуфта мешавад, ки *вайро бадар ронданд,* бо ин, шояд, дар назар дошта мешавад, ки вайро аз парастишгоҳ ронданд. Шояд, вай аз дини яҳудӣ дур карда шуд. Бо кадом сабаб? Ба одами кӯр дар рӯзи шанбе биноӣ дода шудааст. Вайро аз дин дур карданд, зеро оид ба Офарандаи муъҷиза чизи баде нагуфт.

**9,35** Он гоҳ *Исо* он шахсро ҷустуҷӯ карда ёфт. Шояд, Ӯ чунин гуфт: «Агар онҳо туро рад карда бошанд, Ман туро қабул мекунам». Касе ки аз боиси Исо ронда мешавад, чизе гум намекунад, аммо баракати зиёде ба даст меоварад, чунки Ӯ вайро қабул мекунад ва дӯстии Худро пешниҳод мекунад. Бинед, ки Худованд Исо чӣ гуна шахси шифоёфтаро ҳидоят мекунад, ки ба Ӯ чун ба Писари Худо бовар кунад! Ӯ саволи одӣ дод: *«Оё ту ба Писари Одам имон* дорӣ?»[29]

**9,36** Агарчи шахс бино шуд, вай ҳанӯз муҳтоҷи биноии рӯҳонӣ буд. Вай аз Худованд пурсид, ки Писари Худо *кист, то ба Ӯ имон* оварад. *«Хоҷаам»* гуфта, шахс «ҷаноб»-ро дар назар дошт.

**9,37** Акнун *Исо* ба шахси биношуда Худро чун Писари Худо муаррифӣ намуд. Ӯ на фақат одамест, ки биноӣ бахшида, дар ҳаёти вай чизи ғайриимконро ба амал овард. Ӯ Писари Худост, Ҳамоне ки вай Ӯро мебинад ва бо вай *гуфтугӯ мекунад*.

**9,38** Он гоҳ ин шахс ба таври одӣ ва хурсандона ба Худованд Исо имон оварد, ба зону афтид ва *ба Ӯ саҷда кард*. Акнун вай одами наҷотёфта ва шифоёфта шуд. Ин дар ҳаёти вай рӯзи бузург буд! Вай ҳам биноии ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонӣ пайдо кард.

Аҳамият диҳед: шахси биношуда ҳангоме ки Писари Худо будани Худовандро намедонист, ба Ӯ саҷда намекард. Вай яҳудии дар шариат таълимгирифта буд, ва ба одами одӣ саҷда карда наметавонист. Аммо ҳамин ки Писари Худо будани шифодиҳандаи худро фаҳмид, *вай ба Ӯ саҷда кард* – на барои он чи кард, балки барои он ки Ӯ Кист.

**9,39** Дар назари аввал ин оят ба Юҳанно 3,17 мухолиф аст: «Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад ...». Дар асл ин ҷо ихтилофе нест. Мақсади ба ҷаҳон омадани Масеҳ на доварӣ, балки наҷот додан аст. Аммо ҳамаи онҳое ки Ӯро қабул намекунанд, аз доварӣ раҳо нахоҳанд шуд.

Мавъизаи Инҷил таъсири духела дорад. Касе ки нобиноии худро эътироф мекунад, биноӣ пайдо мекунад. Аммо касе ки иддао мекунад, гӯё бе Исои Масеҳ ҳам биноии комил дорад, нобино мешавад.

**9,40** *Баъзе аз фарисиён* фаҳмиданд, ки Худованд Исо оид ба онҳо ва нобиноии онҳо мегуфт. Онҳо ба назди Ӯ омада бо хашм пурсиданд: наход Ӯ гуфтан мехоҳад, ки онҳо *ҳам кӯр* мебошанд? Саволи онҳо ҷавоби инкоркунанда металабид.

**9,41** Ҷавоби Худовандро чунин баён кардан мумкин аст: *«Агар* шумо *кӯрӣ,* гуноҳкорӣ ва ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доштани худро эътироф кунед, гуноҳҳои шумо бахшида мешаванд ва шумо наҷот ёфта метавонед. Аммо шумо изҳор мекунед, ки ба чизе эҳтиёҷ надоред. Шумо мегӯед, ки росткор ҳастед ва дар худ гунохе надоред. Бинобар ин гуноҳ дар шумо мемонад ва омурзише барои шумо нест». Ҳангоме *Исо гуфт: «... гуноҳ намедоштед»*, Ӯ дар назар надошт, ки онҳо комилан бегуноҳ мебуданд. Ӯ дар назар дошт, ки онҳо нисбатан бегуноҳ мебуданд. Агар онҳо кӯрии худро, ки имкон надод Ӯро чун Масеҳ қабул кунанд, эътироф менамуданд, он гоҳ гуноҳи онҳо дар муқоиса бо гуноҳи азим – иддаои дида тавонистан ва дар айни замон Ӯро чун Писари Худо эътироф накардан ҳеҷ мебуд.

## И. Исо барои гӯсфандон дар аст (10,1-10)

**10,1** Ин оятҳо бо қисми охири боби 9 зич алоқаманд ҳастанд. Он ҷо гуфтугӯи Худованд Исо бо фарисиён тасвир ёфтааст. Онҳо мегуфтанд, ки ҷӯпонони қонунии халқи Исроил мебошанд. Худованд Исо дар ин ҷо маҳз ба онҳо муроҷиат намуд. Ҷумлаи *«Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям ...»* оид ба ҷиддияти он чи Ӯ гуфтанӣ буд, шаҳодат медиҳад.

*Оғили гӯсфандон* маконе мебошад, ки гӯсфандон шабона он ҷо нигоҳ дошта мешуданд. Ин макон бо девор иҳота шуда буд ва дарвозае дошт, ки чун дар истифода мешуд.

Ин ҷо *«оғили гӯсфандон»* ба халқи яҳудӣ дахл дорад.

Бисёр касон назди халқи яҳудӣ омада, доҳиён ва роҳбарони он шудан мехостанд. Онҳо худро «масеҳон» эълон мекарданд. Аммо онҳо на бо роҳе медаромаданд, ки дар Аҳди Қадим барои Масеҳ пешгӯӣ шудааст. Онҳо *аз роҳи дигар* медаромаданд. Онҳо дар назди халқи Исроил ба тавре ки худашон зарур меҳисобиданд, ҳозир мешуданд. Ин одамон на ҷӯпонони ҳақиқӣ, балки дуздон ва ғоратгарон буданд. Дузд касест, ки чизи ба худаш тааллуқнадоштаро мегирад, ғоратгар бошад дар айни ҳол зӯриро ба кор мебарад. Фарисиён дуздон ва ғоратгарон буданд. Онҳо халқи Исроилро идора карданӣ мешуданд ва дар роҳи зиддият ба қабули Масеҳи ҳақиқӣ ҳама кори имконпазирро мекарданд. Онҳо пайравони Масеҳро таъқиб мекарданд ва дар ниҳояти кор Масеҳро ба қатл маҳкум карданд.

**10,2** Ин оят оид ба Худи Исо мегӯяд. Ӯ ба назди гӯсфандони гумшудаи хонаи Исроил омад. Ӯ *Ҷӯпони* ҳақиқии *гӯсфандон* аст. Ӯ *аз дар* даромад, яъне омадани Ӯ ба ҳамаи

пешгӯиҳои Аҳди Қадим оид ба Масеҳ мувофиқат мекард. Ӯ Наҷотдиҳандаи номниҳод набуд, балки дар итоати комил ба иродаи Падари Худ омад. Ӯ ба ҳама талабот ҷавобгӯ буд.

**10,3** Дар муайянкунии *дарбон* дар ин оят ихтилофоти зиёде ҳаст. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки бо ин калима пайғамбарони Аҳди Қадим, ки омадани Масеҳро пешгӯӣ кардаанд, ифода ёфтаанд. Дигарон ақида доранд, ки ин ҷо сухан оид ба Яҳёи Таъмиддиҳанда меравад, зеро вай саромади Чӯпони ҳақиқӣ буд. Баъзеи дигар боварӣ доранд, ки *дарбон* дар ин оят Рӯҳулқудс аст, ки дарро мекушояд, то Худовандро ба дилҳо ва ҳаётҳо роҳ диҳад.

*Гӯсфандон овози* чӯпонро мешунаванд. Онҳо овози вайро чун овози чӯпони ҳақиқӣ мешиносанд. Чунон ки гӯсфанди ҳақиқӣ овози чӯпони худро мешиносад, дар байни яҳудиён низ онҳое ёфт шуданд, ки ҳангоми омадани Масеҳ Ӯро шинохтанд. Дар ҳама ҷои Инҷил мо овози Чӯпонро мешунавем, ки *гӯсфандони худро ном ба ном* даъват мекунад. Ӯ якчанд шогирдонро дар боби 1 даъват карда буд, ва ҳамаи онҳо овози Ӯро шуниданд ва ҷавоб доданд. Ӯ дар боби 9 кӯрро даъват кард. Худованд Исо ҳанӯз ҳам онҳоеро, ки Ӯро чун Наҷотдиҳанда қабул кардан мехоҳанд, даъват мекунад, ва ин даъват барои ҳар як кас алоҳида садо медиҳад.

Суханони *«ва берун мебарад»* маънои онро дошта метавонанд, ки Худованд Исо онҳоеро, ки овози Ӯро шуниданд, аз оғили гӯсфандони Исроил мебарорад. Он ҷо онҳо дар иҳотаи девор буданд. Шариат ба онҳо ҳеҷ гуна озодӣ намедод. Худованд гӯсфандони Худро ва озодии файзи Худ *берун мебарад*. Дар боби гузашта яҳудиён шахсро аз куништ бадар ронданд. Дар айни ҳол бехабар аз он буданд, ки ба кори Худованд ёрӣ расонданд.

**10,4** Ҳангоме ки Чӯпони ҳақиқӣ *гӯсфандони Худро берун мебарад,* Ӯ онҳоро ронда намебарад, балки *пешопеши онҳо меравад.* Ӯ онҳоро ба ҷое намефиристад, ки Худаш ҳанӯз қадам нагузоштааст. Ӯ ҳамеша чун Наҷотдиҳандаи онҳо, Роҳбари онҳо ва чун Намунаи ибрат пешопеши гӯсфандон меравад. *Гӯсфандони* ҳақиқии Масеҳ *аз ақиби вай мераванд.* Онҳо на аз сабаби пайравӣ ба намунаи Ӯ, балки ба шарофати таваллуди нав гӯсфандон мешаванд. Баъди наҷот ёфтан онҳо мехоҳанд ба он ҷое раванд, ки Ӯ мебарад.

**10,5** Худи ҳамон ғаризае ки ба гӯсфандон имкон медиҳад овози чӯпони ҳақиқиро шиносанд, онҳоро водор мекунад, ки *аз каси бегона гурезанд.* Бегонаҳо – фарисиён ва дигар роҳбарони яҳудӣ мебошанд, ки танҳо барои манфиатҳои шахсии худ ҳавасманди барраҳо мебошанд. Шахси биношуда намунаи равшани он аст. Вай на танҳо овози Худованд Исоро шунид, балки бегона будани фарисиёнро фаҳмид. Бинобар ин вай ба онҳо итоат кардан нахост, агарчи ин боиси аз куништ ронда шудани вай гардид.

**10,6** Ин ҷо ба таври возеҳ зикр шудааст, ки *Исо ҳамин масалро* ба фарисиён гуфт, *лекин онҳо нафаҳмиданд,* зеро гӯсфандони ҳақиқӣ набуданд. Агар чунин мебуданд, овози Ӯро мешуниданд ва аз пайи Ӯ мерафтанд.

**10,7** *Боз Исо* як мисол овард. Ӯ дигар чун дар ояти 2 дар бораи дари оғили гӯсфандон сухан намеронд. Ӯ ин ҷо Худро *барои гӯсфандон дар* номид. Акнун масъала на оид ба даромадан ба дари оғили гӯсфандони Исроил буд, балки оид ба он буд, ки гӯсфандони интихобшудаи Исроил аз яҳудият баромада ба назди *дар* – Масеҳ оянд.

**10,8** Ҳамаи онҳое ки *пеш* аз Масеҳ омадаанд, оид ба ҳокимият ва мартабаи баланд фикр мекарданд. Аммо гӯсфандони интихобшудаи Исроил онҳоро гӯш намекарданд, зеро медонистанд, ки онҳо ба он чизе даъво доштанд, ки аз рӯи қонун ба онҳо тааллуқ надошт.

**10,9** Ояти 9 яке аз оятҳои ҷолибест, ки барои талабагони мактаби якшанбегӣ осонфаҳм буда, дар айни ҳол барои андешаронии олимоне ки бисёр чизҳоро донистаанд, доимо ғизо хоҳад дод. Масеҳ *дар* аст. Масеҳият на таълимоти динӣ ё калисо аст. Ин Шахсият аст, ва ин Шахсият Худованд Исои Масеҳ аст. *«Ҳар кӣ ба василаи Ман дохил шавад»*. Наҷотро фақат ба василаи Масеҳ пайдо кардан мумкин аст. На ба воситаи таъмид, на бо иштирок дар Шоми Худованд. Мо бояд ба василаи Масеҳ ва бо ҳамон роҳе ки Ӯ муқаррар намудааст, дохил шавем. Ҳама даъват карда мешаванд. Масеҳ Наҷотдиҳандаи ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиён аст. Аммо барои наҷот ёфтан одам бояд дохил шавад. Вай бояд Масеҳро бо имон қабул кунад. Ин қадами шахсӣ аст, ва бе он наҷот нест. Касе ки дохил мешавад, аз ҷазо, аз қудрати гуноҳ ва дар ниҳояти кор аз ҳузури он *наҷот меёбад.*

Наҷот ёфта, онҳо *ба даруну берун мераванд*. Шояд, ин ҷо фикре ҳаст, ки онҳо бо имон ба ҳузури Худо медароянд, то ба Ӯ саҷда кунанд, ва баъд ба ҷаҳон мебароянд, то ки оид ба Худованд шаҳодат диҳанд. Ин тасвири зебоест оид ба он амният ва озодие ки дар хизмати Худованд дорем. Медаромадагон *чарогоҳ пайдо мекунанд*. Масеҳ на фақат наҷот медиҳад ва озодӣ ато мекунад, балки Ӯ ҳамчунин ҳимоя мекунад ва сер мекунад. Гӯсфандони Ӯ дар Каломи Худо *чарогоҳ пайдо мекунанд*.

**10,10** Мақсади *дузд – дуздидан, куштан ва нобуд кардан* аст. Вай бо мақсадҳои сирф худхоҳона меояд. Барои қонеъ кардани хоҳишҳои худ вай ҳатто гӯсфандонро *мекушад*. Аммо Худованд Исо ба дили одам на бо мақсадҳои худхоҳона меояд. Ӯ меояд, то бидиҳад, на ин ки бигирад. Ӯ барои он меояд, то одамон *ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд*. Мо ҳаётро дар он лаҳзае мегирем, ки Ӯро чун Наҷотдиҳанда қабул мекунем. Наҷот ёфта, мо дармеёбем, ки дараҷаҳои гуногуни ҳаловат аз ин зиндагӣ вуҷуд доранд. Ҳар қадаре ки Рӯҳулқудс дар мо бештар амал кунад, мо аз ҳаёти ба мо додашуда ҳамон қадар бештар ҳаловат мебарем. Он гоҳ мо на танҳо *ҳаёт* дорем, балки онро *ба фаровонӣ дорем*.

### Й. Исо, Чӯпони нек (10,11-18)

**10,11** Худованд Исо борҳо яке аз унвонҳои Худо, ибораи «Ман ҳастам»-ро, ба кор бурдааст. Ҳар дафъа вай иддао мекард, ки бо Худо баробар аст. Ин ҷо Ӯ Худро чун *чӯпони нек* муаррифӣ намуд, ки *ҷони Худро барои гӯсфандон фидо мекунад*. Одатан гӯсфандон бояд барои чӯпони худ ҷони худро бидиҳанд. Аммо Худованд Исо барои рама мурд.

*Ин Чӯпонро раҳмдилӣ водор намуд,*
*То хуни Худро бирезад.*
*Ӯ ихтиёрӣ ба ҷои мо мурд,*
*То ки дар байни мову душман биистад.*

Томас Келлӣ

**10,12** *Шахси кирошуда* шахсест, ки барои пул хизмат мекунад. Масалан, чӯпон метавонист ба касе музд диҳад, то он шахс гӯсфандонро нигоҳбонӣ кунад. Фарисиён шахсони кирошуда буданд. Майли онҳо ба одамон дар пуле ки дар ивази он мегирифтанд, асос ёфта буд. *Барои шахси кирошуда гӯсфандон аз они худаш нестанд*. Ҳангоми ба миён омадани хатаре вай гӯсфандонро монда мегурезад, ва гургон онҳоро мехӯранд.

**10,13** Рафтори мо ба моҳияти ҳақиқии мо вобаста аст. Шахси кирошуда барои музд хизмат мекунад. Вай *ғами гӯсфандонро намехӯрад*. Вай аз саломатии онҳо дида бештар ба некӯаҳволии худаш таваҷҷуҳ дорад. Имрӯзҳо дар Калисо бисёр шахсони кирошуда ҳастанд, ки ба гӯсфандони Худо муҳаббати ҳақиқӣ надоранд. Онҳо хизматгузориро чун машғулияти бароҳат интихоб мекунанд.

**10,14** Боз ҳам Худованд оид ба Худ чун оид ба *чӯпони нек* мегӯяд. Нек (юн. калос) ин ҷо маънои «идеалӣ, сазовор, беҳтарин, олӣ»-ро дорад. Дар Ӯ ҳамаи ин сифатҳо ҳастанд. Сипас Ӯ оид ба муносибатҳои хеле наздик байни Ӯ ва гӯсфандонаш мегӯяд. Ӯ мансубони Худро медонад, ва мансубонаш Ӯро медонанд. Ин ҳақиқати ҳайратовар аст.

**10,15** Ин оят давоми ояти пешина аст: «... мансубони Худро мешиносам, ва мансубонам Маро мешиносанд: *Чунон ки Падар маро мешиносад, Ман ҳам Падарро мешиносам»*. Ин воқеан ҳақиқати ҳайратовар аст! Муносибатҳои Худро бо гӯсфандон Худованд бо муносибатҳое монанд кард, ки байни Ӯ ва Падари Ӯ вуҷуд доранд. Байни Чӯпон ва гӯсфандон ҳамон иттиҳод, наздикӣ ва ҳамдигарфаҳмие ҳаст, ки байни Падар ва Писар вуҷуд дорад. *«Ва ҷони Худро барои гӯсфандон фидо мекунам»,* – илова намуд Ӯ. Ин ҷо мо боз як бори дигар яке аз гуфтаҳои зиёди Худованд Исоро оид ба марге барои гуноҳкорон, ки Ӯро дар салиб интизор аст, мебинем.

**10,16** Ояти 16 калидест барои ҳамаи боб. *Гӯсфандони дигар,* ки Худованд ин ҷо зикр мекунад, ғайрияҳудиён мебошанд. Ӯ асосан барои гӯсфандони Исроил омада буд, аммо Ӯ ҳамчунин наҷот ёфтани ғайрияҳудиёнро дар назар дошт. Гӯсфандони ғайрияҳудӣ ба *оғили* яҳудӣ тааллуқ надоштанд. Аммо дили калони Худованд Исо ба ин гӯсфандон низ ҳамдардӣ дошт, ва, мувофиқи хости Худо, Ӯ мебоист онҳоро ба назди Худ *меоварад*. Ӯ медонист, ки онҳо назар ба яҳудиён барои *шунидани овози* Ӯ бештар омода хоҳанд буд.

Дар қисми охирини оят гузариши муҳимест аз *оғили* яҳудият ба *рамаи* масеҳият. Ин оят имкон медиҳад, ки баояндаи яҳудиён ва ғайрияҳудиён, ки дар Масеҳ як хоҳанд буд,

назаре андозем; фарқҳои пештара байни онҳо рафъ хоҳанд шуд.

**10,17** Дар оятҳои 17 ва 18 Худованд Исо фаҳмонд, ки Ӯ чӣ кор мекунад, то ки яҳудиён ва ғайрияҳудиёни интихобшударо назди Худ оварад. Ӯ марг, дафн ва аз мурдагон зинда шудани Худро бо омодагӣ интизор буд. Агар Худованд Исо одами одӣ мебуд, ин суханон тамоман бемаврид мебуданд. Ӯ оид ба он мегуфт, ки *ҷони Худро фидо мекунад, то ки онро* бо хости Худ *боз ёбад*. Фақат Ӯ ин корро карда метавонист, зеро Ӯ Худост. *Падар* Худованд Исоро *аз он сабаб дӯст медошт,* ки Ӯ тайёр буд бимирад ва аз нав зинда шавад, то ки гӯсфандони гумшуда наҷот ёфта тавонанд.

**10,18** *Ҳеҷ кас* Худованд Исоро аз ҳаёт маҳрум карда наметавонист. Ӯ Худост ва, бинобар ин, аз ҳамаи суиқасдҳои қотилонаи махлуқони Худ боло меистад. Ӯ дар Худ *қудрат* дошт ҳаёти Худро *фидо кунад,* ва Ӯ ҳамчунин *қудрат* дошт, *ки онро боз ёбад*. Аммо магар на одамон Ӯро куштанд? Ҳа, одамон. Дар Аъмол 2,23 ва 1Тасолуникиён 2,15 оид ба ин возеҳан гуфта шудааст. Худованд Исо ба онҳо имкон дод инро бикунанд, ва *қудрати ҷон фидо кардани* Ӯ дар ҳамин зоҳир шуд. Ба ғайр аз ин, Ӯ «ҷон дод» (Юҳ. 19,30); ин амали қувва ва иродаи шахсии Ӯ буд.

*«Ин фармударо аз Падари Худ гирифтаам»*. Падар ба Худованд фармуд, ки ҳаёти Худро диҳад ва боз аз мурдагон зинда шавад. Марг ва растохези Ӯ дар иҷрои хости Падар амалҳои зарурӣ буданд. Бинобар ин Ӯ ба марг итоат намуд ва, мувофиқи Навиштаи Муқаддас, дар рӯзи сеюм зинда шуд.

## Й. Ҷудоӣ дар байни яҳудиён (10,19-21)

**10,19** Суханони Худованд Исо боиси *ҷудоии* навбатӣ *дар байни яҳудиён гардид*. Ба замин, ба хонаҳо ва дилҳои одамон омадани Масеҳ, бо худ на осоиштагӣ, балки шамшер меорад. Фақат Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул карда, одам осоиштагӣ дар Худоро мефаҳмад.

**10,20-21** Худованд Исо ягона Одами комиле буд, ки замоне зистааст. Ӯ ягон бор дурӯғ нагуфтааст ва кори бад накардааст. Бо вуҷуди ин дили одамӣ то дараҷае фосид шуда буд, ки ҳангоме Ӯ бо суханони муҳаббат ва хирадмандӣ омад, одамон мегуфтанд, ки *Ӯ дев дорад ва аз ақл бегона аст* ва суханони Ӯ шоёни диққат нестанд. Ин, албатта, доғест дар саҳифаи аъмоли нажоди инсонӣ. Ақидаи *дигарон* фарқ дошт. Онҳо эътироф карданд, ки суханон ва аъмолеро, ки Худованд Исо мегуфт ва мекард, на дев, балки Одами хуб ба амал оварда метавонад.

## К. Исо бо корҳои Худ исбот намуд, ки Ӯ Масеҳ аст (10,22-39)

**10,22** Дар байни оятҳои 21 ва 22 нақл фосилае дорад. Худованд Исо дигар ба фарисиён гап намезад, Ӯ умуман ба яҳудиён муроҷиат мекард. Мо намедонем, ки дар байни ин оятҳо чӣ қадар вақт гузаштааст. Дар воқеъ, ин ҷо танҳо як бор дар Навиштаи Муқаддас *иди Таҷдид,* ё ба яҳудӣ Ҳанукка, зикр шудааст. Чунин ҳисобида мешавад, ки ин идро Яҳудои Маккабӣ муқаррар намудааст, ҳангоме ки парастишгоҳ аз нав пок карда шуд, баъди он ки дар соли 165 то милод онро Антиох Эпифан нопок карда буд. Ин иди ҳарсолае буд, ки на Худованд, балки худи яҳудиён муқаррар намуда буданд. Ва *зимистон буд,* на танҳо аз ҷиҳати тақвим, балки рӯҳонӣ низ.

**10,23-24** Хизмати ҷамъиятии Худованд қариб ба анҷом расида буд, ва Ӯ дар арафаи бо марг дар салиб нишон додани ба Худо Падар пурра бахшида шудан буд. *Айвони Сулаймон* ҳавлии бо девор иҳоташуда ва бо парастишгоҳи Ҳиродус ҳамҳудуд буд. Дар он маконе ки Худованд қадам мезад, барои дар атрофи Ӯ ҷамъ шудани яҳудиён ҷои холӣ бисёр буд.

Яҳудиён гирди Ӯро гирифта, ба Ӯ гуфтанд: «То кай моро дар шубҳа мегузорӣ? Агар Ту Масеҳ бошӣ, ошкоро гӯй».

**10,25-26** Исо боз ба онҳо суханон ва *корҳои* Худро ёдрас намуд. Ӯ бисёр вақт ба онҳо мегуфт, ки Ӯ Масеҳ аст, ва муъҷизаҳои офаридаи Ӯ ҳаққонияти изҳороти Ӯро исбот мекарданд. Ӯ ба яҳудиён бори дигар ёдрас кард, ки Ӯ муъҷизаҳоро бо қудрати Падари Худ ва барои ҷалоли Падари Худ ба амал меовард. Дар айни ҳол Ӯ нишон дод, ки Ӯ ҳақиқатан Ҳамон Касест, ки Падар ба ҷаҳон фиристодааст.

Масеҳро қабул кардан нахостани онҳо исбот мекунад, ки онҳо аз ҷумлаи *гӯсфандони Ӯ нестанд*. Агар онҳо барои ба Ӯ таааллуқ

доштан интихобшуда мебуданд, хоҳиши бовар карданро медоштанд.

**10,27** Якчанд оятҳои баъдина комилан равшан таълим медиҳанд, ки ҳеҷ кадом гӯсфанди ҳақиқии Масеҳ ҳалок намешавад. Бехатарии абадии имондор – факти хеле хуб аст. *Гӯсфандони* ҳақиқии Масеҳ *ба овози Ӯ гӯш медиҳанд*. Ҳангоме ки Инҷил мавъиза карда мешавад, онҳо гӯш медиҳанд, ва бо бовар кардан ба Ӯ ҷавоб медиҳанд. Сипас онҳо ҳар рӯз ба овози Ӯ *гӯш медиҳанд* ва ба Сухани Ӯ итоат мекунанд. Худованд Исо гӯсфандони Худро мешиносад. Ӯ ҳар як барраро ном ба ном медонад. Ҳеҷ яке бе таваҷҷуҳи Ӯ нахоҳад монд. Ҳеҷ яке аз боиси бедиққатӣ ва бепарвоии Ӯ гум шуда наметавонад. Гӯсфандони Масеҳ аввал ба василаи имони наҷотбахш ба Ӯ, сипас дар итоат ба Ӯ қадам зада, Ӯро *пайравӣ мекунанд*.

**10,28** Масеҳ ба гӯсфандони Худ *ҳаёти абадӣ* медиҳад. Ин ҳаёт ҷовидона давом мекунад. Ин ҳаёт ба рафтори онҳо вобаста нест. Ин *ҳаёти абадӣ аст,* ки анҷом надорад. Аммо ин *ҳаёти абадӣ* ҳамчунин сифати ҳаёт аст. Ин ҳаёти Худи Худованд Исо мебошад. Ин ҳаёт метавонад аз ҳама чизе ки Худо дар ин зиндагӣ мефиристад, ҳаловат барад, ва ба таври баробар ба манзили осмонии мо мувофиқат мекунад. Ба суханони зерин диққати махсус диҳед: «... *то абад нобуд*[30] *намешаванд*». Агар кадом яке аз гӯсфандони Масеҳ ҳалок мешуд, Худованд Исо дар он айбдор мебуд, ки ба ваъдааш вафо накард, аммо ин номумкин аст. Исои Масеҳ Худост, ва Ӯ ба нобарорӣ дучор шуда наметавонад. Ӯ дар ин оят ваъда додааст, ки ҳеҷ як гӯсфанд мувофиқи хости Ӯ абадиятро дар дӯзах нахоҳад гузаронд.

Оё ин маънои онро дорад, ки одам наҷот ёфта, сипас мувофиқи хости худ зиста метавонад? Оё имкон дорад, ки баъди наҷот ёфтан вай ба ҳаловатҳои гуноҳолуди ин ҷаҳон дода шавад? Не, вай дигар инро намехоҳад. Вай ба Чӯпон пайравӣ кардан мехоҳад. Мо на аз он сабаб ҳаёти масеҳиёна ба сар мебарем, то масеҳӣ шавем ё наҷоти худро нигоҳ дорем. Мо аз он сабаб масеҳиёна зиндагӣ мекунем, ки масеҳӣ ҳастем. Мо на аз тарси гум кардани наҷоти худ ҳаёти муқаддасона ба сар бурдан мехоҳем, балки аз боиси сипосгузорӣ ба Он Касе ки барои мо мурд. Таълимот оид ба бехатарии ҷовидонӣ ҳаёти сабукфикронаро таҳсин намекунад, балки водоркунандаи қавиест барои ҳаёти муқаддасона.

Ҳеҷ кас *наметавонад* имондорро аз дасти Масеҳ *кашида гирад*. Дасти Ӯ пурқудрат аст. Ӯ ҷаҳонро офарид ва ҳатто ҳозир онро нигоҳ медорад. Чунин қуввае нест, ки гӯсфандонро *аз дасти Ӯ кашида гирифтан тавонад*.

**10,29** Имондор на танҳо дар дасти Масеҳ аст, вай ҳамчунин дар *дасти Падар* аст. Ин кафолати бехатарии дучанд аст. Худо Падар *аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад* имондорро *аз дасти Падар кашида гирад*.

**10,30** Акнун Худованд Исо боз як иддаои баробарӣ бо Худоро илова намуд: *«Ман ва Падар як ҳастем»*. Эҳтимол, ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки Масеҳ ва *Падар* қудрати баробар доранд. Исо ҳозиракак оид ба қудрати ҳимоя намудани гӯсфандони Масеҳ мегуфт. Бинобар ин Ӯ фаҳмонд, ки қудрати Ӯ ҳамон гуна мебошад, ки қудрати Падар аст. Албатта, айнан ҳамин чиз дар мавриди ҳамаи сифатҳои дигари Худо низ дуруст аст. Худованд Исои Масеҳ пурра Худо мебошад ва дар ҳама чиз ба Падар баробар аст.

**10,31** Яҳудиён ягон саволе надоштанд, ки Наҷотдиҳанда чиро дар назар дошт. Онҳо фаҳмиданд, ки Ӯ рӯйрост илоҳияти Худро эълон мекард. Бинобар ин онҳо боз *санг бардоштанд, то ки Ӯро сангсор кунанд*.

**10,32** Пеш аз он ки онҳо санг партофта тавонанд, Исо ба онҳо оид ба *бисёр корҳои нек* ёдрас намуд, ки *аз ҷониби Падари Худ* зоҳир намудааст. Сипас Ӯ пурсид, ки кадоме аз *корҳо* онҳоро ба хашм овардааст, ки Ӯро *сангсор кардан* мехоҳанд.

**10,33** *Яҳудиён* рад мекарданд, ки Ӯро барои муъҷизаҳо сангсор карда мехоҳанд. Аниқтараш онҳо Ӯро аз боиси он сангсор карданӣ буданд, ки ба ақидаи онҳо, Ӯ Худро бо *Худо* Падар баробар эълон намуда, *куфр* мегӯяд. Онҳо эътироф кардан намехостанд, ки Ӯ аз одам бузургтар аст. Аммо аз изҳорони Ӯ пурра аён буд, ки Ӯ Худро *Худо* мекунад. Инро онҳо ҷоиз шумурда наметавонистанд.

**10,34** Он гоҳ Худованд ба яҳудиён аз Забур 81,6 иқтибос овард. Ӯ онро қисми *шариат* номид. Дигар хел карда гӯем, ин оят аз Аҳди Қадим, ки онҳо онро Каломи дорои илҳоми илоҳӣ эътироф менамуданд, гирифта шуда буд. Оят ба таври пурра чунин садо медиҳад: «Ман гуфтам: Шумо худоён ҳастед, ва ҳамаатон

писарони Ҳаққи Таоло». Тарона ба доварони Исроил нигаронида шуда буд. Онҳо на барои он «худоён» номида мешуданд, ки ҳақиқатан илоҳӣ буданд, балки аз боиси он ки ҳангоми доварӣ Худоро намояндагӣ мекарданд. Дар забони яҳудӣ калимаи «худоён» (элоҳим) аслан маънои «пурқудратон»-ро дорад ва нисбати шахсиятҳои муҳиме ба монанди доварон истифода шуда метавонад. (Аз қисми боқимондаи Тарона аён аст, ки онҳо на худоён, балки фақат одамон буданд, зеро ноодилона доварӣ мекарданд ва ба фоидаи шахсиятҳои баландмартаба довариро фосид менамуданд.)

**10,35** Худованд ин оятро аз Забур иқтибос оварда, нишон дод, ки Худо калимаи *худоҳоро* ба кор бурд, то одамонеро тасвир кунад, *ки каломи Худо сӯяшон* нигаронида шуда буд. Дигар хел карда гӯем, ин одамон фиристодагони Худо буданд. Худо ба воситаи онҳо бо халқи Исроил гап мезад. «Онҳо намояндагони Худо дар қудрат ва доварии Ӯ буданд ва ваколатҳои аз ҷониби Худо муқарраршуда доштанд». *«Ва Навишта наметавонад беэътибор шавад»,* – гуфт Худованд ва боварии Худро ба илҳоми илоҳӣ доштани Аҳди Қадим изҳор намуд. Ӯ Аҳди Қадимро Навиштаҳои бехато меҳисобад, ки бояд иҷро шаванд ва онҳоро рад кардан имконнопазир аст. Дар ҳақиқат, на танҳо фикрҳо ё идеяҳо, балки ҳамаи калимаҳои Навиштаи Муқаддас илҳоми илоҳӣ доранд. Тамоми исботи Ӯ дар як калимаи *«худоҳо»* асос ёфтааст.

**10,36** Худованд далелҳоро «аз хурд то калон» хулоса кард. Агар доварони беадолат дар Аҳди Қадим «худоҳо» номида шуда бошанд, пас Ӯ ҳуқуқи беандоза бештаре дошт гӯяд, ки Ӯ Писари Худост. Каломи Худо ба назди онҳо омад; Ӯ Каломи Худо буд ва ҳаст. Онҳо худоҳо номида мешуданд; Ӯ Худо буд ва ҳаст. Онҳо ҳеҷ гоҳ оид ба худ нахоҳанд гуфт, ки *Падар* онҳоро *муқаддас шуморида, ба ҷаҳон фиристод.* Онҳо ба монанди ҳамаи фарзандони дигари Одами гуноҳкоршуда таваллуд шудаанд. Аммо Исо аз ҷониби Худо *Падар* аз азал муқаддас гардида буд, то Наҷотдиҳандаи ҷаҳон шавад, ва Ӯ аз осмон, ки он ҷо ҳамроҳи Падари Худ мезист, *ба ҷаҳон фиристода* шуда буд. Ҳамин тариқ, Исо ҳуқуқи пурраи баробарӣ бо Худоро дошт. Ӯ куфр намегуфт, ҳангоме изҳор мекард, ки Ӯ *Писари Худо* буда, бо Падар баробар аст. Худи яҳудиён истилоҳи «худоён»-ро нисбати одамони ришвахӯр, ки фақат намояндагон ва ё доварони Худо буданд, ба кор мебурданд. Боз чӣ қадар Ӯ оид ба ҳуқуқ ба ин унвон гуфта метавонад, дар ҳоле ки Ӯ ҳақиқатан Худо буд ва ҳаст?

Самюэл Грин хуб гуфтааст:

*Яҳудиён Ӯро дар он айбдор мекарданд, ки Ӯ Худро Худо меномид. Ӯ инкор намекунад, ки Худро бо ин суханон бо Худо баробар мекунад. Аммо Ӯ куфр гуфтанро инкор мекунад, ва ин дар асоси далелҳое ки Ӯро ҳатто дар иддао ба иззату эҳтироми Худоёна пурра сафед мекарданд, ва маҳз дар он ки Ӯ Масеҳ, Писари Худо, Имонуил аст. Яҳудиён умед надоштанд, ки Ӯ аз ин иддаоҳои баланди Худ даст мекашад. Ин аз он душмании бардавом, ки доимо зоҳир мегашт, аён аст. Ниг ояти 39.*[31]

**10,37** Боз ҳам Наҷотдиҳанда ба муъҷизаҳое ки барои исботи вазифаи илоҳии Худ ба амал меовард, ишора намуд. Аммо ба ибораи зерин диққат диҳед: «... *корҳои Падари Худро*». Худ аз худ муъҷизаҳо ҳанӯз далели илоҳият нестанд. Мо дар Навиштаи Муқаддас оид ба мавҷудоти бадкирдор мехонем, ки қудрат доштанд гоҳ-гоҳ муъҷиза ба амал оваранд. Аммо муъҷизаҳои Худованд *корҳои Падари* Ӯ буданд. Онҳо далели дучанди он буданд, ки Ӯ Масеҳ аст. Аввалан, Аҳди Қадим пешгӯӣ мекард, ки ин муъҷизаҳоро Масеҳ зоҳир хоҳад кард. Сониян, инҳо муъҷизаҳои марҳамат ва ҳамдардӣ буданд, ки ба инсоният нафъ меоварданд ва онҳоро ҳеҷ каси бадкирдор ба амал оварда наметавонад.

**10,38** Барои беҳтар фаҳмидан Райл ояти 38-ро ба таври дигар баён намудааст:

*Агар Ман аъмоли Падари Худро ба ҷо меоварда бошам, пас, агар ба гуфтаҳои Ман бовар карда натавонӣ, ба корҳои Ман бовар кун. Агар ту ба шаҳодати суханони Ман мухолифат кунӣ, бо шаҳодати корҳои Ман розӣ шав. Ҳамин тариқ, фаҳмидан ва бовар карданро биёмӯз, ки Ман ва Падари Ман як ҳастем – Ӯ дар Ман ва Ман дар Ӯ, ва дар изҳори Ман оид ба он ки Ман Писари Ӯ ҳастам, ҳеҷ куфре нест.*

**10,39** Яҳудиён фаҳмиданд, ки ба ҷои аз иддаоҳои пештараи Худ даст кашидан Худованд Исо онҳоро тақвият медиҳад. Бинобар ин онҳо бори дигар кӯшиш карданд Ӯро ҳабс кунанд, аммо Ӯ боз аз онҳо дур шуд. Он вақт дур набуд, ки Ӯ имкон медиҳад дастгираш кунанд, аммо ҳанӯз он вақт фаро нарасида буд.

## VI. СОЛИ СЕЮМИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПИСАРИ ХУДО: ПЕРЕЯ (10,40–11,57)

### А. Исо ба он тарафи Урдун меравад (10,40-42)

**10,40** Худованд *боз ба он тарафи Урдун, ба ҳамон ҷое ки* пештар хизматгузории ҷамъиятии Худро сар карда буд, *рафт.* Се соли суханон ва аъмоли ҳайратовар ба охир мерасиданд. Ӯ фаъолияти Худро дар ҳамон ҷое ки сар кард, ба анҷом мерасонд: берун аз тартиботи муқарраршудаи яҳудият, дар ҷойҳои радшавӣ ва танҳоӣ.

**10,41** *Касоне* ки *назди Ӯ* омаданд, шояд, имондорони самимӣ буданд. Онҳо мехостанд дар беобрӯӣ бо Ӯ бошанд, ҳамроҳи Ӯ берун аз бошишгоҳи Исроил бароянд. Ин имондорон ба Яҳёи Таъмиддиҳанда сипосгузор буданд. Онҳо ёд доштанд, ки хизмати Яҳё намоишӣ ё ҳангоманок набуд, аммо он *рост* буд. Ҳар он чи вай оид ба Худованд Исо гуфт, дар хизмати Наҷотдиҳанда иҷро шуд. Ин бояд ҳар як масеҳиро рӯҳбаланд кунад. Мо муъҷизаҳои азим ба амал оварда ё диққати ҷамъиятро ба худ ҷалб карда наметавонем, аммо, дар ҳадди ақалл, мо метавонем оид ба Худованд ва Наҷотдиҳандаамон Исои Масеҳ шаҳодати ҳақиқӣ барем. Ин дар назари Худо хеле пурқимат аст.

**10,42** Қобили таваҷҷуҳ аст, ки агарчи халқи Исроил ба таври умум Худованд Исоро қабул накард, ба ҳар ҳол дар байни он дилҳои фурӯтан ва пазиранда буданд. *Ва бисёр касон,* он қадаре ки ба мо маълум аст, *дар он ҷо ба Ӯ имон оварданд.* Дар ҳамаи замонҳо ҳамин тавр мешавад: ҳаст боқимондаи хурди одамоне ки дар назди Худованд Исо будан мехоҳанд; ва новобаста ба он ки ҷаҳон онҳоро меронад, бад мебинад ва нафрат дорад, онҳо аз мушоракати дилписанд бо Писари Худо ҳаловат мебаранд.

### Б. Беморини Элъозор (11,1-4)

**11,1** Акнун мо ба охирин муъҷизаи бузург дар хизмати Худованд Исо наздик мешавем. Ба як маъное ин муъҷизаи бузургтарин аст – растохези мурда. *Элъозор* дар деҳаи хурди *Байт-Анё,* тақрибан дар масофаи се километр шарқтар аз Ўршалим мезист. Ҳамчунин маълум аст, ки дар *Байт-Анё Марям ва хоҳараш Марто* мезистанд.

Пинк усқуф Райлро иқтибос меоварад:

*Иҷозат диҳед зикр намоям, ки ҳузури фарзандони интихобшудаи Худо он чизест, ки шаҳрҳо ва кишварҳоро дар чашмони Худо маъруф мегардонад. Дар Аҳди Нав деҳаи Марто ва Марям зикр шудааст, дар ҳоле ки Мемфис ва Тебес номбар нашудаанд.*[32]

**11,2** Юҳанно мефаҳмонад, ки ин ҳамон *Марям аз* Байт-Анё *буд, ки ба Худованд равғани хушбӯй молида, пойҳои Ӯро бо мӯи худ хушконд.* Ин амали бемонанди муҳаббат аз ҷониби Рӯҳулқудс махсус таъкид шудааст. Худованд қаноатманд аст, ҳангоме ки пайравони Ӯ тайёранд муҳаббаташонро ба Ӯ нишон диҳанд.

**11,3** Ҳангоме ки Элъозор бемор шуд, Худованд Исо, аз афташ, дар соҳили шарқии дарёи Урдун буд. *Хоҳарон ба Ӯ кас фиристода, гуфтанд:* Элъозор, ки ӯро *дӯст медорӣ, бемор аст.* Хоҳарон воқеаро ба Худованд ба таври хеле риққатовар хабар доданд. Онҳо муҳаббати Ӯро ба бародари онҳо чун далели махсус пеш оварданд, ки аз боиси он Ӯ бояд биёяд ва ёрӣ диҳад.

**11,4** Исо гуфт: «Ин бемориӣ барои марг нест». *Ӯ бо ин дар назар надошт, ки Элъозор нахоҳад мурд, балки марг* натиҷаи ниҳоии ин *беморӣ* нахоҳад буд. Элъозор мемирад, аммо аз мурдагон зинда карда мешавад. Мақсади ҳақиқии беморӣ *ҷалоли Худо* буд, *то Писари Худо ба василаи он ҷалол ёбад.* Худо аз он сабаб ба ин роҳ дод, то Исо биёяд ва Элъозорро зинда кунад, ва ҳамин тариқ, Худро боз чун Масеҳ зоҳир намояд. Одамон барои ин муъҷизаи азим *Худоро* ҷалол хоҳанд дод.

Мо ҳақ надорем тахмин кунем, ки бемории Элъозор натиҷаи ягон гуноҳи махсусе дар ҳаёти вай буд. Яқинан вай чун шогирди вафодор баҳо дода мешавад, ки Наҷотдиҳанда вайро махсусан дӯст медошт.

### В. Сафари Исо ба Байт-Анё (11,5-16)

**11,5** Ҳангоме ки беморӣ ба хонаҳои мо медарояд, мо набояд чунин ҳисобем, ки Худо бар мо хашмгин шудааст. Ин ҷо беморӣ аз хашм дида бештар бо муҳаббати Ӯ вобаста буд.

«Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҳамонро ҷазо медиҳад».

**11,6-7** Аслан мо мебоист чунин муҳокимаронӣ мекардем: Агар Худованд ҳақиқатан ин се имондорро дӯст медошта бошад, Ӯ ҳама корро монда ба хонаи онҳо мешитобад. Аммо Худованд, баръакс, *чун* хабарро *шунид, дар ҷое ки буд, ду рӯз монд.* Таъхир кардани Худо маънои рад карданро надорад. Ба дархостҳои мо фавран ҷавоб надода, Ӯ шояд интизор шуданро ёд медиҳад, ва агар мо босаброна интизор шавем, дармеёбем, ки Ӯ ба дархостҳои мо хеле ҳайратовартар аз он чи тахмин карда метавонистем, ҷавоб медиҳад. Ҳатто муҳаббат ба Марто, Марям ва Элъозор Масеҳро маҷбур карда наметавонист пеш аз вақти муайяншуда амал кунад. Ҳамаи рафтори Ӯ ба иродаи Падари Ӯ тобеъ буданд ва ба ҷадвали илоҳӣ мувофиқат мекарданд.

Баъди гузаштани ду рӯз, ки гӯё вақти аз даст рафта метофт, Худованд Исо ба *шогирдонаш* пешниҳод кард, ки *боз ба Яҳудо бираванд.*

**11,8** *Шогирдон* ҳанӯз хеле хуб дар ёд доштанд, ки баъди ба кӯр бинои бахшидани Масеҳ *яҳудиён мехостанд* Ӯро *сангсор кунанд.* Онҳо ҳайрон шуда гуфтанд, ки ба хотири бехатарӣ Ӯ бояд оид ба сафар ба Яҳудо ҳатто фикр ҳам накунад.

**11,9** *Исо* ба онҳо *чунин ҷавоб дод:* одатан, дар давоми *рӯз* одамон *дувоздаҳ соат, то даме ки равшан аст,* кор карда метавонанд. Дар ин вақт одам ба хатари пешпо хӯрдан ва ё афтидан дучор намешавад, *чунки* ба куҷо рафтан ва чӣ кор карданашро *мебинад. Нури ин ҷаҳон,* ё рӯшноии рӯз, вайро аз пешпо хӯрдан ё марги тасодуфӣ эмин медорад.

Маънои рӯҳонии суханони Худованд чунин аст: Худованд Исо то ба охир ба хости Худо итоат мекард. Бинобар ин тарсидан лозим нест, ки Ӯро пеш аз мӯҳлати муқарраршуда аз ҳаёт маҳрум карда тавонанд. Ӯ то иҷро шудани кораш ҳимоят карда мешавад.

Ба як маъное ин барои ҳар як имондор аҷиб аст. Агар мо дар мушоракати зич бо Худованд зиста, хости Ӯро ба ҷо оварем, дар олам ҳеҷ қуввае нест, ки моро пеш аз вақти муқарраркардаи Худо аз ҳаёт маҳрум кунад.

**11,10** Шахсе ки *шабона роҳ меравад,* ба Худо боварӣ намекунад, балки мувофиқи хости Худ амал мекунад. Ин гуна одам ба осонӣ *пешпо мехӯрад, чунки* роҳнамоии Худоро, ки роҳи вайро равшан мекарда бошад, надорад.

**11,11** Худованд марги Элъозорро хуфтан меномид. Аммо бояд зикр кард, ки дар Аҳди Нав калимаи «хоб» ҳеҷ гоҳ нисбати ҷон истифода намешавад, балки фақат барои ҷисм. Навиштаи Муқаддас таълим намедиҳад, ки ҷони шахси мурда дар ҳолати хуфтан аст. Ҷони шахси имондор меравад, то бо Масеҳ бошад, ки ин беандоза беҳтар аст. Ин ҷо Худованд Исо ҳамадонии Худро зоҳир намуд. Ӯ медонист, ки Элъозор аллакай мурдааст, агарчи ба Ӯ хабар доданд, ки Элъозор бемор аст. Ӯ медонист, зеро Ӯ Худост. Ҳар кас метавонад каси дигарро аз хоби табиӣ бедор кунад, аммо фақат Худованд метавонист Элъозорро аз марг бедор кунад. Ин ҷо Исо нияти ба ҷо овардани маҳз ҳаминро зоҳир кард.

**11,12** *Шогирдони* Ӯ суханони Худовандро оид ба хоб нафаҳмиданд. Онҳо тасаввур карда наметавонистанд, ки Ӯ оид ба марг мегӯяд. Шояд, онҳо тахмин мекарданд, ки хуфтан далели шифоёбист, ва хулоса бароварданд, ки агар Элъозор сахт хобида бошад, пас ҳолати бӯҳронӣ паси сар шудааст ва ӯ *шифо хоҳад ёфт.* Оят ҳамчунин метавонад маънои онро дошта бошад, ки агар хоби табиӣ мушкилии ягонаи Элъозор бошад, барои ба вай ёрӣ додан ба Байт-Анё рафтан зарур нест. Шояд, шогирдон аз хатаре ки ба онҳо таҳдид мекард, дар ҳарос буданд ва ин барояшон баҳонае шуд, то ба хонаи Марто ва Марям нараванд.

**11,13-14** Ин ҷо ба таври возеҳ гуфта шудааст, ки оид ба хуфтан *гуфта,* Исо *вафотро* дар назар дорад. Ҳеҷ гуна нодурустфаҳмӣ буда наметавонад. Исо ба шогирдонаш *ошкоро гуфт: «Элъозор мурдааст».* Шогирдон ин хабарро чӣ қадар оромона қабул намуданд! Онҳо аз Худованд напурсиданд: «Ту аз куҷо медонӣ?» Ӯ бо боварии пурра мегуфт, ва онҳо ба дониши Ӯ шубҳае надоштанд.

**11,15** Худованд Исо аз он шод набуд, ки Элъозор мурдааст; Ӯ *барои он шод* буд, ки он вақт дар Байт-Анё *набуд.* Агар Ӯ дар он ҷо мебуд, Элъозор намемурд. Дар ҳеҷ ҷои Аҳди Нав зикр нашудааст, ки дар ҳузури Худованд касе мурд. Шогирдон муъҷизаи бештар аз пешгирии маргро хоҳанд дид. Онҳо хоҳанд дид, ки одам аз мурдагон зинда мешавад. Ба шарофати ин имони онҳо мустаҳкам мешавад. Барои ҳамин ҳам Худованд Исо гуфт, ки *барои*

онҳо аз боиси дар Байт-Анё *набуданаш шод* аст.

Ӯ илова намуд: *«... то ки имон оваред»*. Худованд дар назар надошт, ки шогирдон ба Ӯ имон надоштанд. Онҳо албатта имон доштанд! Аммо муъҷизае ки онҳо дар Байт-Анё хоҳанд дид, имони онҳоро ба Ӯ хеле мустаҳкамтар мекунад. Бинобар ин Ӯ онҳоро водор менамуд, то бо Ӯ раванд.

**11,16** *Тумо* чунин меҳисобид, ки агар Худованд ба он ҷойҳо равад, яҳудиён Ӯро мекушанд. Вай боварӣ дошт, ки агар ҳамроҳи Исо раванд, онҳо низ кушта мешаванд. Аммо ҳатто дар ҳолати маъюсӣ ва афсурдахотирӣ вай шогирдонро водор менамуд, ки ҳамроҳи Исо раванд. Суханони вай на имони бузург ё ҷасорат, балки маъюсиро ифода мекунанд.

### Г. Исо: растохез ва ҳаёт (11,17-27)

**11,17-18** *Чор рӯз* дар қабр будани Элъозор далели он буд, ки вай ҳақиқатан мурдааст. Аҳамият диҳед, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс ҳама чизро пешбинӣ кардааст, то нишон диҳад, ки растохези Элъозор ҳақиқатан муъҷиза буд. Элъозор, эҳтимол, ба зудӣ баъди ба ҷустуҷӯи Исо рафтани қосидон мурда буд. Исо дар Байт-Абора, дар масофаи якрӯза роҳ аз Байт-Анё буд. Бемории Элъозорро фаҳмида, боз ду рӯз дар он ҷо монд. Баъд як шабонарӯзи дигар дар сафар ба Байт-Анё гузашт. Ҳамин аст тафсири он чаҳор рӯзе ки Элъозор дар қабр гузаронд.

Чунон ки зикр шуда буд, *Байт-Анё* дар шарқии *Уршалим* тақрибан *дар масофаи тақрибан понздаҳ стадия* (тақрибан се километр) *буд*.

**11,19** Ба Уршалим наздик будани Байт-Анё ба *бисёре аз яҳудиён* имкон дод, ки *назди Марто ва Марям омада, онҳоро барои бародарашон тасаллӣ диҳанд*. Онҳо ҳатто тахмин ҳам намекарданд, ки ба наздикӣ тасаллодиҳиҳои онҳо нодаркор мешаванд, зеро ин хонаи мотам ба хонаи шодӣ мубаддал мегардад.

**11,20** *Чун Марто шунид, ки Исо меояд, ба пешвози Ӯ берун рафт*. Вохӯрӣ берун аз деҳа воқеъ шуд. Гуфта нашудааст, ки чаро *Марям* дар *хона* монд. Шояд, вай хабари омадани Исоро нашунида буд. Ё, шояд, аз ғам беҳаракат шуда буд ва ё дар рӯҳи дуо ва умед буд. Оё ба шарофати наздикӣ ба Худованд вай ҳис мекард, ки чӣ бояд ба амал ояд? Мо намедонем.

**11,21** Имони Марто ба он ки Исо марги Элъозорро пешгирӣ карда метавонад, имони ҳақиқӣ буд. Аммо имони вай комил набуд. Марто гумон мекард, ки Исо инро фақат дар ҳолате карда метавонист, ки Худаш бо онҳо бошад. Вай намефаҳмид, ки Ӯ одамро аз масофаи дур ҳам шифо дода метавонад, ва ҳатто ба гӯшаи хотираш намеомад, ки Ӯ мурдаро зинда карда метавонад. Бисёр вақт дар лаҳзаҳои ғам мо монанди Марто рафтор мекунем. Мо гумон мекунем, ки агар ин ё он доруро ихтироъ мекарданд, яке аз наздикони дӯстдоштаи мо намемурд. Аммо ҳама чиз дар дасти Худованд аст, ва бе иҷозати Ӯ бо дӯстдоштагонаш ҳеҷ воқеае рӯй намедиҳад.

**11,22** Боз ҳам имони ин хоҳари вафодор дурахшид. Вай намедонист, ки Худованд Исо чӣ гуна ёрӣ медиҳад, аммо боварӣ дошт, ки Ӯ ин корро мекунад. Вай боварӣ дошт, ки *Худо* ба Ӯ ҳар чизи металабидаашро медиҳад ва ин фоҷиа ба ягон чизи хуб табдил меёбад. Аммо ҳатто ҳозир ҳам вай тахмин карда наметавонист, ки бародари вай аз мурдагон бармехезад. Калимаи «хоҳиш»-ро, ки Марто ба кор мебарад, одатан ҳангоми тасвири одамоне ба кор мебурданд, ки аз Офаридгор илтиҷо менамоянд ё ба Ӯ дуо мекунанд. Аз ин маълум мешавад, ки Марто ҳанӯз илоҳияти Худованд Исоро эътироф накарда буд. Вай фаҳмид, ки Ӯ Одами бузург ва ғайриодист, аммо, эҳтимол, на бештар аз пайғамбарони Аҳди Қадим.

**11,23** Барои ба баландиҳо бардоштани имони вай Худованд Исо изҳороти шигифтангезе кард, ки Элъозор аз мурдагон *бармехезад*. Дидан хуш аст, ки Худованд бо ин зани андӯҳгин сӯҳбат карда, қадам ба қадам вайро сӯи имон ба Ӯ чун ба Писари Худо ҳидоят менамояд.

**11,24** *Марто* мефаҳмид, ки Элъозор замоне аз мурдагон зинда мешавад, аммо тамоман гумон надошт, ки ин худи ҳамон рӯз ба амал меояд. Вай ба *бархестан* аз мурдагон бовар мекард ва чунин меҳисобид, ки ин *«дар рӯзи вопасин»* воқеъ хоҳад шуд.

**11,25** Изҳороти баъдинаи Худованд баробар ба ин суханон аст: «Ту Маро намефаҳмӣ,

Марто. Ман дар назар надорам, ки Элъёзор дар рӯзи вопасин зинда мешавад. Ман Худо ҳастам, ва қиёмат (растохез) ва ҳаёт дар дасти ман аст. Ман Элъёзорро худи ҳозир аз мурдагон зинда карда метавонам, ва инро мекунам».

Худованд ба пеш, ба замоне менигарист, ки ҳамаи имондорони ҳақиқӣ зинда карда мешаванд. Ин ҳамон вақт ба амал меояд, ки Худованд Исо бори дуюм меояд, то ки халқи Худро ба хона, ба осмон барад.

Он гоҳ ду гурӯҳи имондорон хоҳад буд: онҳое ки дар имон мурдаанд, ва онҳое ки ҳангоми бозгашти Ӯ зинда хоҳанд буд. Ба аввалиҳо Ӯ чун Растохез, ва ба дуюмиҳо чун Ҳаёт хоҳад омад. Оид ба гурӯҳи якум дар қисми охирини ояти 25 гуфта мешавад: *«Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар мурад ҳам, зинда мешавад»*. Ин чунин маъно дорад, ки имондороне ки то омадани Масеҳ мурдаанд, аз мурдагон зинда мешаванд.

Беркитт мегӯяд:

*Эй муҳаббат, ту аз марг қавитар ҳастӣ! Қабр наметавонад Масеҳ ва дӯстонашро аз ҳам ҷудо кунад. Дӯстони дигар моро то лаби гӯр ҳамроҳӣ мекунанд, ва баъд тарк мекунанд. Аммо на ҳаёт, на марг наметавонанд аз муҳаббати Масеҳ ҷудо кунанд.*[33]

Бенгел тафсир медиҳад: «Ин бо тартиби илоҳӣ хеле ҳамоҳанг аст, ки мувофиқи он, то даме ки Мири Ҳаёт вуҷуд дорад, ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ мурда ҳисобида намешавад».

**11,26** Оид ба гурӯҳи дуюми одамон дар ояти 26 гуфта шудааст. Онҳое ки ҳангоми омадани дуюми Наҷотдиҳанда зинда буда, ба Ӯ имон доранд, *то абад намемуранд*. Онҳо фавран, дар як мижа задан дигаргун мешаванд, ва ба хона ба осмон ҳамроҳи зиндашудагон меоянд. Чӣ ҳақиқатҳои пурқимате ба мо дар натиҷаи марги Элъёзор ошкор шуданд! Худо талхиро ба ширинӣ табдил медиҳад ва ба хокистар зебоӣ мебахшад. Сипас Худованд, барои санҷидани имони Марто, ба вай саволи муҳиме дод: *«Оё ба ин имон дорӣ?»*

**11,27** Имони Марто дар равшании нимрӯзӣ дурахшид. Вай эътироф кард, ки Исо *Масеҳ Писари Худо* аст, ки чунон ки пайғамбарон пешгӯӣ карда буданд, мебоист *ба ҷаҳон ояд*. Бояд зикр кард, ки ин эътироф на баъди бародари вайро зинда кардани Исо, балки пеш аз он воқеъ шуд!

## Ғ. Исо дар назди қабри Элъёзор гиря мекунад (11,28-37)

**11,28-29** Дарҳол баъди ин эътироф Марто ба ақиб ба деҳа шитофт ва ба *Марям* хабари нафасгиркунандаеро расонд: *«Устод ин ҷост ва туро ҷеғ мезанад»*. Офаридгори олам ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон ба Байт-Анё омада, вайро *ҷеғ мезад*. Имрӯзҳо ҳам айнан ҳамин тавр аст. Худи ҳамин Шахсияти олиҷаноб истода, одамонро бо суханони Инҷил даъват мекунад. Даъвати воз намудани дили худ ва роҳ додани Наҷотдиҳанда барои ҳар кас садо медиҳад. Марям дарҳол ҷавоб дод. Вай вақтро беҳуда сарф накард, балки *зуд бархест* ва назди Исо рафт.

**11,30-31** *Исо* Марто ва Марямро берун аз деҳаи Байт-Анё истиқбол намуд.

*Яҳудиён* намедонистанд, ки Ӯ дар наздикӣ буд, зеро он чи Марто ба Марям гуфт, танҳо ба онҳо маълум буд. Онҳо гумон мекарданд, ки *Марям ба сари қабр* равона шуд, *то ки дар он ҷо гиря кунад*.

**11,32** *Марям ба пойҳои* Наҷотдиҳанда *афтод*. Шояд, ин амали парастиш буд, ё, эҳтимол, дилаш аз ғам пур шуда буд. Монанди Марто, вай афсӯс хӯрд, ки Исо дар Байт-Анё набуд, – он гоҳ *бародари* онҳо *намемурд*.

**11,33** Андӯҳи Марям ва дӯстони вайро дида, Худи Исо андӯҳгин шуд ва *ба изтироб афтод*. Бешубҳа, Ӯ оид ба ҳамаи он азобҳо, ғамҳо ва марг, ки ба ҷаҳон дар натиҷаи гуноҳкоршавии одам ворид шудаанд, фикр мекард. Ин Ӯро ботинан азоб медод.

**11,34** Худованд, албатта, медонист, ки Элъёзор дар *куҷо* дафн карда шудааст, аммо саволро барои он дод, ки интизориро бедор кунад, имонро дастгирӣ намояд ва одамонро ба ҳамкорӣ даъват намояд. Бешубҳа, навҳагарон бо тамоми ҷиддият ва хоҳиши самимӣ Худовандро ба назди қабр бурданд.

**11,35** Ояти 35 дар нусхаи англисии Навиштаи Муқаддас кӯтоҳтарин аст.[34] Ин яке аз се ҳолати дар Аҳди Нав тасвиршуда аст, ки он ҷо оид ба *гиря* кардани Худованд гуфта мешавад. (Ӯ аз боиси Уршалим ғамгин шуда мегирист, ва низ дар боғи Ҷатсамонӣ.) *Гиря кардани Исо* аз табиати ҳақиқии инсонии Ӯ шаҳодат медод. Ӯ дар байни одамон натиҷаҳои даҳшатовари гуноҳро дида, ашкҳои ҳақиқии андӯҳ мерехт. Дар ҳузури марг гиря кардани Исо

далели он аст, ки ҳангоми мурдани наздиконашон гиря кардани масеҳиён комилан табиист. Аммо масеҳиён на ба монанди дигарон, ки ҳеҷ гуна умед надоранд, гиря мекунанд.

**11,36** Ашкҳои Писари Одам барои *яҳудиён* шаҳодати муҳаббат ба Элъозор буданд.

Албатта, ҳақ ба ҷониби яҳудиён буд. Аммо Исо ба онҳо низ муҳаббати амиқи бефано дошт, ва бисёрии онҳо инро фаҳмида натавонистанд.

**11,37** Боз ҳам ҳузури Худованд Исо боиси дар байни мардум пайдо шудани саволҳо гардид. Баъзеи онҳо дар Ӯ Касеро шинохтанд, ки чашмони *кӯрро* боз кард. Онҳо аз якдигар мепурсиданд, ки чаро Ӯ натавонист чунин *бикунад,* ки Элъозор *намирад.* Албатта, Ӯ метавонист чунин бикунад, аммо ба ҷои ин Ӯ муъҷизаи калонтаре ба амал овардани̅ буд, ки ба ҷонҳои имондор умеди азимтаре меоварад.

## Д. Муъҷизаи ҳафтум: растохези Элъозор (11,38-44)

**11,38** Яқинан, *қабри* Элъозор *ғоре* дар зери замин буд, ки ба он бо нардбон ё бо зинапояҳо фаромадан мумкин аст. Дар даромадгоҳи ғор *санге* мехобид. Ин ғор аз қабри Худованд Исо бо он фарқ мекард, ки он дар харсанг канда шуда буд, ва одам ба он озодона даромада метавонист, бе он ки боло барояд ё поён фарояд.

**11,39** Исо ба ҳозирон фармуд, ки *сангро* аз даромадгоҳи қабр бардоранд. Ӯ Худ низ инро бо сухане карда метавонист. Аммо одатан Худо он кореро, ки худи одамон карда метавонанд, барояшон намекунад.

*Марторо* аз андешаи кушодани қабр даҳшат фаро гирифт. Вай медонист, ки ҷасади бародараш дар он ҷо *чор рӯз* боз истода буд, ва метарсид, ки он ба вайроншави̅ сар кардааст. Аз афташ, ҷасади Элъозорро ҳанут накарда буданд. Вайро дар рӯзи маргаш дафн карданд – анъанаи он замон ҳамин буд. Он факт муҳим аст, ки Элъозор *чор рӯз* боз дар қабр буд, ки ҳолати хоб ё беҳуширо тамоман истисно мекард. Ҳамаи яҳудиён медонистанд, ки вай *мурдааст.* Растохези вай танҳо муъҷиза буда метавонист.

**11,40** Аён нест, ки кай *Исо* суханони ин оятро ба забон овард. Дар ояти 23 Ӯ гуфт, ки бародари вай зинда мешавад. Аммо суханони ин ҷо гуфташуда моҳияти он чизе буданд, ки Ӯ пеш аз ин ба вай гуфт. Ба тартиби калимаҳо дар ин оят диққат диҳед: «*... агар имон овари̅, ... мебини̅*». Ин мисли он аст, ки Худованд Исо чунин гӯяд: «Агар фақат бовар куни̅, хоҳи̅ дид, ки ман муъҷизае меофарам, ки фақат Худо ба амал оварда метавонад. Ту *ҷалоли Худоро,* ки дар Ман зоҳир шудааст, хоҳи̅ дид. Аммо аввал бояд *имон овари̅, баъд мебини̅*».

**11,41** Инак, *сангро* аз қабр бардоштанд. Пеш аз ба амал омадани муъҷиза *Исо* ба *Падари* Худ барои он сипосгузори̅ намуд, ки дуои Ӯро *шунид.* Дар ин боб гуфта намешавад, ки Исо пеш аз муъҷиза дуое карда бошад. Аммо Ӯ, бешубҳа, тамоми ин муддат бо Падари Худ гап мезад ва дуо мекард, ки номи Худо дар растохези Элъозор ҷалол ёбад. Ин ҷо Ӯ дар интизории воқеаи меомада ба Падар шукр гуфт.

**11,42** Исо фаҳмо дуо мекард, то *мардум бовар кунанд, ки* Падар Ӯро *фиристодааст* ва ба Ӯ гуфтааст, ки чи̅ кунад ва чи̅ гӯяд, ва зикр кард, ки Ӯ ҳамеша дар вобастагии комил ба Худо Падар амал мекунад. Ин ҷо боз ягонагии пурраи Худо Падар ва Худованд Исои Масеҳ таъкид карда мешавад.

**11,43** Ин дар Аҳди Нав яке аз ҳолатҳои камшуморест, ки *бо овози баланд нидо кардани* Худованд зикр шудааст. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки агар Ӯ Элъозорро ном намегирифт, ҳамаи мурдагон аз қабрҳо бармехестанд!

**11,44** Элъозор чи̅ гуна берун омад? Баъзеҳо гумон мекунанд, ки вай аз қабр пешпо хӯрда баромад; дигарон фикр мекунанд, ки вай гавак кашида берун омад, баъзеҳо зикр мекунанд, ки дастону пойҳои вай бо кафан сахт печонида шуда буданд ва вай мустақилона берун омада наметавонист. Онҳо тахмин мекунанд, ки бадани вай аз қабр дар ҳаво муаллақ баромад ва танҳо дар пеши Худованд Исо пойҳояш ба замин расиданд. *Бо рӯймоле пӯшида* будани *рӯяш* боз як далели он мебошад, ки вай мурда буд. Ҳеҷ кас наметавонист дар ҳолати бо чунин латта баста будани *рӯяш* дар давоми чор рӯз зинда монад. Боз ҳам Худованд одамонро ба иштирок ҷалб намуда, фармуд, ки Элъозорро *воз* кунанд ва ба вай имкони роҳ *рафтан* диҳанд. Фақат Худованд Исо аз мурдагон зинда карда метавонад, аммо Ӯ моро вазифадор мекунад, ки сангҳои пешпоро дур кунем ва кафани ақидаҳои нодуруст ва хурофотро воз кунем.

## Е. Яҳудиёни имондор ва беимон (11,45-57)

**11,45-46** Барои *бисёре* аз ҳозирон ин муъҷиза шаҳодати бехатои илоҳияти Худованд Исо гардид, ва онҳо *ба Ӯ имон оварданд.* Фақат Худо метавонист ҷасадро баъди чор рӯзи мурданаш аз қабр даъват кунад.

Аммо таъсири муъҷиза дар ҳаёти одам ба ҳолати ахлоқии вай вобаста аст. Дили бадкирдор, исёнкор ва нобовар ҳатто баъди дидани растохези шахсе ҳам бовар намекунад. Ин ҷо низ ҳамин тавр буд. *Баъзе аз* яҳудиёне ки шоҳиди муъҷиза буданд, бо вуҷуди чунин далели баҳснопазир Худованд Исоро чун Масеҳи худ қабул кардан намехостанд. Онҳо *назди фарисиён рафтанд,* то он чиро, ки дар Байт-Анё воқеъ шуд, хабар диҳанд. Шояд, онҳо фарисиёнро барои он хабар карданд, то онҳо низ имон оваранд? Аниқтараш, онҳо барои он чунин карданд, то фарисиёнро боз бештар бар зидди Худованд барангезанд ва ба куштани Ӯ водор кунанд.

**11,47** *Он гоҳ саркоҳинон ва фарисиён дар шӯрои* расмӣ *ҷамъ омаданд,* то ба қароре оянд, ки чӣ бояд кунанд. Саволи *«Чӣ бояд кард?»* чунин маъно дорад: «Мо чӣ гуна аксуламале бояд нишон диҳем? Чаро мо дар амал кардан сустӣ мекунем? *Ин Шахс* муъҷизаҳои зиёде ба амал меоварад, аммо мо барои боздоштани Ӯ ҳеҷ коре намекунем». Роҳбарони яҳудӣ бо ин суханон худашонро маҳкум мекарданд. Онҳо эътироф мекарданд, ки Худованд Исо *муъҷизаҳои зиёде* ба амал меоварад. Пас чаро онҳо ба Ӯ имон наоварданд? Онҳо бовар кардан нахостанд, зеро гуноҳҳои худро аз Наҷотдиҳанда афзал донистанд.

Райл хуб мегӯяд:

*Ин эътирофи ҳайратовар аст. Ҳатто душманони ашаддии Худованд эътироф менамоянд, ки Худованди мо бисёр муъҷизаҳо ба амал меовард. Шубҳае нест, ки агар онҳо метавонистанд, ҳаққонияти муъҷизаҳои Ӯро инкор мекарданд. Аммо онҳо, аз афташ, кӯшише ҳам намекарданд. Онҳо шоҳидони муъҷизаҳои бисёр, муъҷизаҳои оммавӣ буданд, ва ҷуръат намекарданд онҳоро инкор кунанд. Бигузор бехудоён ва шаккокони ҳозира фаҳмонанд, ки дар рӯ ба рӯи ин факт онҳо чӣ гуна оид ба қаллобӣ ва фиреб сухан ронда метавонанд? Агар фарисиён, ки дар замони Худованди мо мезистанд ва бисёр мекӯшиданд ба корҳои Ӯ халал расонанд, ҳеҷ гоҳ ба муъҷиза офаридани Ӯ шубҳа карда наметавонистанд, пас акнун, баъди 18 садсола, инкор кардани муъҷизаҳои Ӯ бемаънист.*[35]

**11,48** Сардорон ҳис мекарданд, ки акнун амал накарда наметавонанд. Агар онҳо дахолат накунанд, бисёр одамон мафтуни муъҷизаҳои Исо шуда, ба тарафи Ӯ мегузаранд. Агар онҳо ҳамин тариқ тасдиқ кунанд, ки Исо Подшоҳи онҳост, ин боиси нохушиҳо бо Рум мегардад. Румиён гумон мекунанд, ки Исо барои барҳам додани ҳукмронии онҳо омадааст; он гоҳ онҳо яҳудиёнро ҷазо медиҳанд. *«Кишвар ва халқи моро мегиранд»* маънои онро дорад, ки румиён парастишгоҳро нобуд мекунанд ва яҳудиёнро паҳну парешон менамоянд. Маҳз ҳамин чиз дар соли 70-ум ба амал омад – на барои он ки яҳудиён Худовандро қабул карданд, балки, аниқтараш, аз сабаби он ки онҳо Ӯро рад карданд.

Ф. Б. Мейер дар ин бора хуб гуфтааст:

*Масеҳият соҳибкориро ба хатар мегузорад, соҳаҳои манфиатнок, аммо бадкирдоронаро нобуд мекунад, аз парастишгоҳи иблис мизоҷонашро кашида мегирад, ба соҳаи манфиатҳои қонунии вай ҳуҷум мекунад ва ҷаҳонро чаппа мекунад. Ин кори хастакунанда, хашмгинкунанда ва нобудкунандаи фоида аст.*[36]

**11,49-50** *Қаёфо* аз соли 26 то 36-уми милодӣ *саркоҳин* буд. Ӯ дар мурофиаи динӣ бар Худованд раисӣ мекард ва ҳангоме ки Петрус ва Юҳанно дар пеши шӯрои пирон меистоданд, ҳозир буд (Аъм. 4,6). Бо вуҷуди суханони дар ин ҷо гуфтааш вай ба Худованд Исо имон надошт.

Қаёфо чунин меҳисобид, ки саркоҳинон ва фарисиён барғалат гумон мекунанд, ки яҳудиён аз боиси Исо мемиранд. Вай пешгӯӣ мекард, ки аниқтараш, Исо барои халқи яҳудӣ мемирад. Вай гуфт, ки беҳтар мебуд, агар танҳо Исо *ба хотири қавм мурад,* назар ба ин ки *тамоми қавм* аз боиси Ӯ ба нохушиҳо гирифтор шавад. Тақрибан чунин садо медиҳад, гӯё Қаёфо ҳақиқатан сабаби ба ҷаҳон омадани Исоро мефаҳмид. Гумон кардан мумкин буд, ки Қаёфо Исоро Раҳонандае ки барои гуноҳкорон мемурад, меҳисобид (ин таълимоти марказии масеҳият аст). Аммо, муаассифона, ин тавр нест. Ҳамаи гуфтаҳои вай ҳақиқат буданд, аммо худи вай ба Исо чун ба Наҷотдиҳандаи ҷонаш бовар надошт.

**11,51-52** Ин ҷо фаҳмонда мешавад, ки чаро Қаёфо маҳз ҳамин тавр гуфт. *Лекин вай инро аз худ нагуфт,* яъне ин қарор аз вай барнамеомад. Вай инро бо хости худ намегуфт. Аниқтараш, суханони вай аз ҷониби Худо дода шуда буданд ва маънои онҳо аз доираи идроки вай амиқтар буданд. Ин пешгӯии илоҳӣ оид ба он буд, ки *Исо бояд барои қавми* Исроил *мурад*. Он ба Қаёфо дода шуд, зеро вай *дар он сол саркоҳин буд*. Худо ба воситаи вай аз боиси фаъолияти динияш сухан меронд, на аз боиси росткории шахсӣ, зеро вай гуноҳкор буд.

Мувофиқи пешгӯии Қаёфо, Худованд *на танҳо* барои қавми Исроил, балки *барои якҷоя кардани* фарзандони Худо, ки пароканда ҳастанд, мемурад. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки Қаёфо яҳудиёнеро дар назар дошт, ки дар тамоми замин пароканда ҳастанд, аммо, аниқтараш, вай ғайрияҳудиёнро дар назар дошт, ки ба Масеҳ ба василаи мавъизаи Инҷил бовар мекунанд.

**11,53-54** Фарисиён аз муъҷиза дар Байт-Анё боварӣ ҳосил накарданд, баръакс, онҳо боз ҳам бештар бар Писари Худо хашмгин шуданд. *Аз ҳамон рӯз* онҳо бо азми бештар *машварат карданд, ки Ӯро кушанд.*

Душмании афзудаи яҳудиёнро ба назар гирифта, Худованд Исо *ба шаҳре ки Эфроим ном дошт,* равона шуд. Имрӯз мо намедонем, ки Эфроим дар куҷо ҷойгир буд; фақат тахмин кардан мумкин аст, ки он дар ҷои ором ва ҷудогона дар *наздикии биёбон* воқеъ буд.

**11,55** Хабари *наздик шудани Песаҳи яҳудиён* ба мо ёдрас мекунад, ки анҷоми хизмати Худованд наздик меояд. Маҳз дар ҳамин иди Песаҳ Ӯ бояд ба салиб кашида мешуд. Мардум бояд *пеш аз Песаҳ ба Уршалим меомаданд, то ки худро пок гардонанд.* Масалан, агар яҳудӣ ба мурда даст расонда бошад, вай мебоист маросими муайяни покшавиро аз нопокии маросимӣ ба ҷо меовард. Ин покшавӣ аз намудҳои гуногуни шустушӯйҳо ва ҳадияовариҳо иборат буд. Ҳамаи фоҷиа дар он буд, ки яҳудиён ҳамин тавр мехостанд худашон пок шаванд, аммо дар айни ҳол нақшаи куштани Барраи песаҳро мекашиданд. Чӣ зоҳиршавии даҳшатовари бадӣ дар дили Одам!

**11,56-57** Ҳангоме ки мардум *дар ибодатхона* ҷамъ омаданд, онҳо оид ба Шахсе фикр мекарданд, ки Исо ном дошта, дар кишвари онҳо мезист ва муъҷизаҳо ба амал меовард. Муҳокима сар шуд, ки *оё Ӯ ба ид намеояд.* Баъзеҳо ақида доштанд, ки бинобар сабаби дар ояти 57 зикршуда Ӯ намеояд.

*Саркоҳинон ва фарисиён* фармоне бароварданд, ки Исо ҳабс карда шавад. Ба ҳар касе ки дар куҷо будани Ӯро донад, фармуда шуд, ки ба ҳукуматдорон хабар диҳад, *то Ӯро дастгир кунанд* ва ба марг маҳкум кунанд.

## VII. ХИЗМАТИ ПИСАРИ ХУДО БА МАНСУБОНИ ХУД (Б. 12–17)

### A. Исо дар Байт-Анё тадҳин карда шуд (12,1-8)

**12,1** Хона дар *Байт-Анё* макони буд, ки *Исо* дар он ҷо буданро дӯст медошт. Он ҷо Ӯ аз мушоракати дилписанд бо *Элъозор,* Марто ва Марям ҳаловат мебурд. Дар ин вақт ба *Байт-Анё* омада, аз нуқтаи назари одамӣ Ӯ Худро ба хатар мегузошт, зеро дар Уршалим, ки дар наздикӣ воқеъ буд, маркази ҳамаи қувваҳои мухолифи Ӯ қарор дошт.

**12,2** Агарчи бисёриҳо ба Исо муносибати душманона доштанд, ба ҳар ҳол якчанд дилҳое пайдо шуданд, ки пур аз имони ҳақиқӣ ба Ӯ буданд. *Элъозор яке аз онҳое буд, ки бо* Худованд *бар сари дастархон менишастанд, ва Марто* ба онҳо *хизмат мекард.* Навиштаи Муқаддас оид ба он чи Элъозор аз лаҳзаи марги худ то зинда шудан дид ё шунид, чизе намегӯяд. Эҳтимол, Худованд баён кардани чунин маълумотҳоро ба вай манъ кард.

**12,3** Дар Инҷилҳо якчанд ҳолатҳое зикр шудаанд, ки зан Худованд Исоро тадҳин кардааст. Ҳеҷ кадоми онҳо бо дигарӣ пурра мувофиқат намекунад, аммо воқеаи дар ин ҷо тасвиршуда, чунон ки фикр мекунанд, умуман ба он чи дар Марқӯс 14,3-9 тасвир шудааст, мувофиқат мекунад. Садоқати Марям ба Масеҳ вайро водор кард, ки *паймонае аз равғани хушбӯи сунбули холиси гаронбаҳоро* гирифта, *ба пойҳои Ӯ молад.* Вай бо ин кораш гуфт, ки ҳеҷ чизе ки вай дорад, барои ба Масеҳ додан беҳад пурқимат нест. Ӯ сазовори ҳамаи он чизест, ки мо дорем ва ҳастем.

Ҳар боре ки мо бо Марям вомехӯрем, вай назди пойҳои Исо мебошад. Дар ҳолати додашуда вай *пойҳои Ӯро бо мӯи худ* мехушконад. Азбаски мӯи зан шарафи вай аст, вай шарафи

худро пеши пойҳои Ӯ гузошт. Худ аз худ маълум аст, ки дар давоми муддате пас аз он худи Марям низ накҳати равғанро дар худ дошт. Ҳамин тариқ, имондороне ки Масеҳро парастиш мекунанд, накҳати он лаҳзаро ба худ ҷаббида мегиранд. Хонае ки дар он ба Исо ҷои қонунӣ дода мешавад, аз чунин накҳат пур аст.

**12,4-5** Ин ҷо аён аст, ки ба ин соҳаи хеле пок чизи ҷисмонӣ сар мехалонад. *Яке,* ки мехост Худованди худро *таслим кунад,* тоқати дидани онро надошт, ки *равғани хушбӯй* ин тавр сарф карда мешавад.

*Яҳудо* чунин намеҳисобид, ки Исо ба *сесад динор* меарзад. Вай фикр мекард, ки равғани атрафшонро *фурӯхта, ба камбағалон додан* лозим аст. Аммо ин риёкории ошкоро буд. Ғамхории вай оид ба мискинон на зиёда аз ғамхорияш оид ба Худованд буд. Вай Ӯро на ба ивази *сесад динор,* балки ба ивази даҳяки ин маблағ таслим карданӣ буд. Райл хуб мегӯяд:

*Он ҳақиқат, ки вай метавонист дар давоми се сол чун шогирд аз пайи Масеҳ равад, муъҷизаҳои Ӯро бинад, таълимоти Ӯро шунавад, доимо аз дастони Ӯ некӯиҳо гирад, расул ҳисобида шавад ва боз ҳам дар охир то умқи дил пӯсида бошад, – ҳамаи ин дар назари аввал ғайриимкон метобад! Аммо ин ҳодисае ки бо Яҳудо рӯй дод, нишон медиҳад, ки ин тавр буда метавонад. Яқинан, ҳеҷ чиз ба монанди ахлоқан паст фаромадани одам суст эҳсос карда намешавад.*[37]

**12,6** *Юҳанно илова мекунад, ки Яҳудо* инро на *аз боиси ғамхорӣ ба* камбағалон *гуфт, балки барои он ки* дузд *ва хасис буд.* Ҳамёни пул дар дасти *Яҳудо* буд, ва *ӯ* аз пуле ки дар он меандохтанд, барои худ мегирифт.

**12,7** Аммо Худованд ҷавоб дод: «Ба вай халал нарасонед. *Вай инро барои рӯзи дафни Ман нигоҳ доштааст.* Ҳамчун нишонаи дилбастагӣ ва парастиш вай бар ман хушбӯиҳо молидан мехоҳад. Бигузор ин корро кунад».

**12,8** Дар ҳамаи замонҳо *камбағалон* хоҳанд буд, ки нисбати онҳо некӯӣ кардан мумкин аст. Аммо хизматгузории Худованд дар замин босуръат ба анҷомёбӣ наздик мешуд. Марям *на ҳамеша* имкон хоҳад дошт равғани атрафшонро барои Ӯ истифода барад. Ин бояд ба мо ёдрас намояд, ки имкониятҳои рӯҳонӣ доимӣ нестанд. Мо набояд иҷрои он чиро, ки барои Наҷотдиҳанда карда метавонем, мавқуф гузорем.

## Б. Суиқасд бар зидди Элъозор (12,9-11)

**12,9** Овозаҳо оид ба он ки Исо дар наздикиҳои Уршалим аст, зуд паҳн шуданд. Оид ба ҳузури Ӯ беш аз ин хомӯш будан имконнопазир буд. *Бисёре аз яҳудиён* ба Байт-Анё барои дидани Ӯ омаданд, баъзеҳо барои дидани Элъозор, *ки Ӯ аз мурдагон бархезонда буд,* омаданд.

**12,10-11** Дар ин оят боз ҳам бадбинии беақлонаи дили одамӣ нишон дода шудааст. *Саркоҳинон қарор доданд, ки Элъозорро низ кушанд.* Фикр кардан мумкин аст, ки гӯё вай аз мурдагон зинда шуда, ба касе хиёнат карда бошад! Вай ҳеҷ айбе надошт, аммо ба ҳар ҳол онҳо чунин меҳисобиданд, ки вай сазовори марг аст.

*Чунки* аз боиси Элъозор *бисёре аз яҳудиён ... ба Исо имон меов697рданд.* Ана барои чӣ Элъозор душмани сарварони яҳудӣ буд, ва ӯро аз сари роҳ дур кардан лозим буд.

Одамоне ки дигаронро назди Худованд меоваранд, ҳамеша гирифтори таъқибот ва ҳатто уқубатҳо мешаванд.

Баъзе илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки азбаски саркоҳинон саддуқиёни инкоркунандаи растохез буданд, онҳо бо қатли Элъозор далелро нобуд кардан мехостанд.

## В. Воридшавии ботантана (12,12-19)

**12,12-13** Акнун мо оид ба воридшавии ботантанаи *Исо ба Уршалим* мехонем. Якшанбеи пеш аз қатли Ӯ бар салиб буд.

Аниқ фаҳмидан душвор аст, ки ин *мардуми бисёр* оид ба Исо чӣ фикр мекарданд. Оё онҳо ҳақиқатан мефаҳмиданд, ки Ӯ Писари Худо ва Масеҳи Исроил аст? Ё онҳо Ӯро фақат Подшоҳе меҳисобиданд, ки онҳоро аз асорати румиён халос мекунад? Шояд, ин зоҳиршавии лаҳзаинаи эҳсосот буд? Бешубҳа, дар байни тӯдаи одамон имондорони ҳақиқӣ буданд, аммо таассуроти умумӣ чунин аст, ки аксари мардум ба Худованд ҳеҷ тавАҷҷуҳи самимӣ, ҳақиқӣ надоштанд.

Шохаҳои *дарахти хурмо* – рамзи оромӣ ва осоиш баъди андӯҳ аст (Ваҳй 7,9). Маънои калимаи *«ҳӯшионо»* «ҳозир наҷот деҳ, аз ту илтиҷо мекунем» мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ин ду мафҳумро муттаҳид намуда, гӯё одамон Исоро чун Касе эътироф мекунанд,

ки аз ҷониби Худо барои аз бераҳмии Рум наҷот додани онҳо фиристода шудааст ва баъди солҳои дарози зулми ғайрияҳудиён ба онҳо оромӣ ва осоиштагӣ медиҳад.

**12,14-15** Исо ба шаҳр савори *харкуррае* ворид шуд. Воситаи маъмулии нақлиёт. Аммо муҳимаш он аст, ки Худованд ба шаҳр ин тавр ворид шуда, пешгӯиро иҷро намуд.

Ин иқтибос аз Закарё 9,9 гирифта шудааст. Он ҷо пайғамбар пешгӯӣ намуд, ки Подшоҳ ба Исроил *бар куррае савор шуда* меояд. *Духтари Сион* ифодаи маҷозист, ки ба яҳудиён дахл дорад. *Сион* теппаест дар Уршалим.

**12,16** *Шогирдон нафаҳмиданд,* ки ин воқеа иҷрошавии аниқи пешгӯии Закарё оид ба он аст, ки Исо ҳақиқатан ба Уршалим чун Подшоҳи қонунии Исроил ворид мешавад. Лекин ҳангоме ки Худованд ба осмон баргашт ва ба ямини Падар нишаста *ҷалол ёфт,* шогирдон ба ёд оварданд, ки ҳама чиз мувофиқи Навиштаи Муқаддас ба амал омад.

**12,17-18** Дар байни тӯдаи одамоне ки ба Уршалим ворид шудани Исоро мушоҳида мекарданд, шахсоне буданд, ки дида буданд, чӣ тавр Ӯ *Элъозорро* аз қабр даъват намуда аз мурдагон *эҳё кард.* Онҳо ба дигарон, ки дар наздашон меистоданд, нақл мекарданд, ки савори харкурра Ҳамонест, ки Элъозорро ба ҳаёт баргардондааст. Азбаски хабар оид ба ин *мӯъҷизаи* махсус тез паҳн мешуд, тӯдаи зиёди *мардум* ба пешвози Исо баромад. Мутаассифона, онҳоро на имони ҳақиқӣ, балки кунҷковӣ ҷалб менамуд.

**12,19** *Фарисиён* хашмгин мешуданд, зеро тӯдаи мардум зиёд мешуд ва таваҷҷуҳ ба Наҷотдиҳанда меафзуд. Ҳеҷ чизе аз он чи онҳо гуфта ё карда метавонистанд, натиҷае намебахшид. Аз ғояти хашмгинӣ онҳо фарёд мезаданд, ки тамоми *ҷаҳон аз пайи* Исо *меравад.* Онҳо намефаҳмиданд, ки таваҷҷуҳи тӯда гузаранда буд ва дар байни он ягон-ягон шахсоне ёфт мешуданд, ки ҳақиқатан Исоро чун Писари Худо парастиш карданӣ буданд.

### Г. Якчанд юнониён Исоро дидан мехоҳанд (12,20-26)

**12,20** *Юнониёне* ки назди Исо омаданд, бутпарастони ба яҳудият гаравида буданд. *Дар ид барои парастиш омадани* онҳо далели он аст, ки онҳо анъанаҳои динии аҷдодони худро намепарастиданд. Дар ин лаҳза назди Худованд Исо омадани онҳо тасвири қобили таваҷҷуҳест оид ба он, ки агарчи яҳудиён Худованд Исоро рад карданд, ғайрияҳудиён Инҷилро хоҳанд шунид ва бисёре аз онҳо имон хоҳанд овард.

**12,21** Гуфта нашудааст, ки чаро онҳо *назди Филиппус омаданд.* Шояд, номи юнонии вай ва аз *Байт-Сайдои Ҷалил* буданаш ин ғайрияҳудиёни навимонро ҷалб намуд. Хоҳиши онҳо ҳақиқатан олиҳимматона буд: *«Эй хоҷа, мо мехоҳем Исоро бинем».* Ҳеҷ касе ки дар дил хоҳиши самимӣ дорад, бе мукофот намемонад.

**12,22** Шояд, Филиппус боварии пурра надошт, ки оё Худованд бо юнониён вомехӯрад ё не. Пештар Масеҳ ба шогирдон фармуда буд, ки бо Инҷил ба назди ғайрияҳудиён нараванд, бинобар ин *Филиппус* назди *Андриёс* рафт, ва онҳо ҳар ду *ба Исо гуфтанд.*

**12,23** Чаро юнониён Исоро дидан мехостанд? Байни сатрҳо хонда, мо тахмин карда метавонем, ки онҳоро ҳикмати Исо ҷалб карда буд ва онҳо Ӯро чун файласуфи барҷаста болобардор карданӣ буданд. Онҳо медонистанд, ки Ӯ бо сардорони яҳудӣ зиддиятҳо дошт, ва, шояд, мехостанд, ки Ӯ ба хотири наҷот додани ҳаёти Худ ҳамроҳи онҳо ба Юнон равад. Фалсафаи онҳо «ба худ раҳм кун» буд. Аммо *Исо* ба онҳо ҷавоб дод, ки ин фалсафа комилан мухолифи қонуни дарав аст. Ӯ на бо ҳаёти осудаҳолона, балки бо марги фидокоронаи Худ *ҷалол мееёбад.*

**12,24** *Агар дона дар хок афтода,* намурад, ҳеҷ гоҳ ғалла ба бор намеорад. Дар ин ҷо Худованд Исо Худро бо *донаи гандум* монанд мекунад. Агар Ӯ *намурад, танҳо Худаш* мемонад. Ӯ аз зебоиҳои осмон танҳо ҳаловат хоҳад бурд; он ҷо ягон гуноҳкори наҷотёфта нахоҳад буд, то ҷалоли Ӯро бо ҳам бинад. Аммо агар Ӯ мурад, роҳи наҷотро таъмин мекунад, ки ба василаи он бисёриҳо наҷот ёфта метавонанд.

Худи ҳамин ба мо низ дахл дорад, чунон ки Т. Г. Рагланд мегӯяд:

*Агар мо рад кунем, ки донаҳои гандум ҳастем, ки ба замин меафтанд ва мемуранд; агар нақшаҳои ояндаи худро қурбон накунем, обрӯву эътибор, моликият, саломатии худро ба хатар наандозем; агар мо даъват карда шавем, аммо мо хонаи худро тарк накунем, робитаҳои оилавиро ба хотири Масеҳ наканем, пас мо танҳо мемонем. Аммо агар мо самар оварданӣ*

*бошем, бояд аз пайи Худованди муборакамон равем, он гоҳ мо самари бисёр меоварем.*[38]

**12,25** Бисёриҳо фикр мекунанд, ки дар зиндагӣ хӯрок, пӯшок ва ҳаловатҳо муҳиманд. Онҳо барои ҳамин зиндагӣ мекунанд. Аммо онҳое ки ҳаёти худро ҳамин тавр дӯст медоранд, фаҳмида наметавонанд, ки ҷон аз бадан муҳимтар аст. Ҳолати ҷонро сарфи назар карда, онҳо ҳаёти худро аз даст медиҳанд. Аз тарафи дигар, шахсоне ҳастанд, ки мувофиқи ақидаашон, ба хотири Масеҳ аз ҳама чиз маҳрум шудан лозим аст. Барои ба Ӯ хизмат кардан онҳо ҳамаи он чизҳоеро, ки дар байни одамон арзиши баланд дорад, сарфи назар мекунанд. Онҳо касоне мебошанд, ки ҳаёти худро *то ҳаёти абадӣ нигоҳ медоранд*. Ҳаёти худро бад дидан – яъне Масеҳро беш аз манфиатҳои худ дӯст доштан аст.

**12,26** Барои ба Масеҳ хизмат кардан Ӯро *пайравӣ намудан* лозим аст. Хизматгорони Ӯ ба таълимоти Ӯ итоат мекунанд ва ба Ӯ ахлоқан монанд ҳастанд. Марги Ӯ барои онҳо бояд намунаи тақлид бошад. Ба ҳамаи хизматгорон ҳузури доимии Соҳиб ва ҳимояи Ӯ ваъда шудааст, ва ин на танҳо ба ҳаёти заминӣ, балки ба абадият низ дахл дорад. Касе ки хизмат мекунад, Худо вайро дар рӯзи меомада иззат хоҳад кард. Ҳар қадар вай дар ин ҷо аз шармандагӣ ва таънаҳо азоб кашад, дар муқоиса бо он ки Худо Падар вайро дар осмон назди ҳама таъриф мекунад, ҳеҷ аст!

### Ғ. Исо дар рӯ ба рӯи марги ногузир истодааст (12,27-36)

**12,27** Фикрҳои Худованд беш аз пеш ба он чи Ӯро дар ояндаи наздик интизор аст, равона карда мешуданд. Ӯ оид ба салиб ва оид ба замоне андеша мекард, ки гуноҳҳои моро ба дӯши Худ мегирад, ва аз боиси онҳо ғазаби Худо ба Ӯ фурӯ хоҳад рехт. Ӯ оид ба «соати талх»-и Худ андеша мекард, ва *ҷони Ӯ парешон буд*. Дар ин лаҳза чӣ гуна дуо кардани Ӯ лозим буд? Оё мебоист хоҳиш мекард, ки *Падар Ӯро аз ин соат раҳо намояд?* Ӯ оид ба ин дуо карда наметавонист, зеро мақсади ба ҷаҳон омадани Ӯ аз он иборат буд, ки ба салиб кашида шавад. Ӯ барои мурдан таваллуд шуда буд.

**12,28** Ба ҷои хоҳиши халос кардан аз салиб Худованд Исо хоҳиш мекард, ки *номи Падари Ӯ ҷалол ёбад*. Ӯ бештар на оид ба некӯаҳволӣ ё бехатарии Худ, балки оид ба ҷалол ёфтани Худо ғамхорӣ мекард. Худо ба ин аз осмонҳо ҷавоб дод, ки *ҷалол додааст ва боз ҷалол хоҳад дод*. Тамоми хизмати заминии Исо ҷалол додани номи Худо буд. Сӣ соли хомӯшӣ дар Носира, се соли хизматгузории ҷамъиятӣ, суханон ва аъмоли хеле хуби Наҷотдиҳанда – ҳамаи ин номи Падарро ба таври сазовор ҷалол дод. Аммо ҷалоли бештар ба Худо ба воситаи марг, дафн, растохез ва боло шудани Масеҳ дода хоҳад шуд.

**12,29** Баъзе аз онҳое ки наздик истода буданд, овози Худоро раъд гумон карданд. Ин гуна одамон ҳамеша ба чизҳои рӯҳонӣ маънидоди табиӣ доданӣ мешаванд. Одамоне ки муъҷизаҳоро эътироф кардан намехоҳанд, онҳоро бо ягон қонуни табиӣ вобаста карданӣ мешаванд. Дигарон медонистанд, ки ин раъд нест, аммо ба ҳар ҳол эътироф намекарданд, ки ин овози Худост. Аз афташ, онҳо дарк мекарданд, ки ин ягон чизи фавқуттабиист, аммо танҳо ба хулосае омада метавонистанд, ки ин овози *фаришта* аст. Овози Худоро касоне шунида ва фаҳмида метавонанд, ки ба онҳо Рӯҳулқудс ёрӣ медиҳад. Одамон метавонанд Инҷилро борҳо шунаванд, аммо ба ҳар ҳол, агар Рӯҳулқудс ба воситаи он бо онҳо гапназанад, он барояшон як чизи бемаъно хоҳад буд.

**12,30** Худованд ба шунавандагон фаҳмонд, ки *ин овоз* на барои Ӯ буд. Ӯ онро ба таври дигар низ мефаҳмид. Он барои онҳое буд, ки дар наздикӣ меистоданд.

**12,31** *«Акнун доварӣ бар ин ҷаҳон аст»*, – гуфт Ӯ. Ҷаҳон Худованди ҳаёт ва ҷалолро ба салиб кашиданӣ буд. Ва чунин рафтор карда, он худро маҳкум мекунад. Барои чунин даст кашидани даҳшатнок аз Масеҳ бар он айбнома бароварда мешавад. Наҷотдиҳанда дар ин ҷо маҳз ҳаминро дар назар дошт. Айбнома ба инсонияти гуноҳкор қариб ба амал бароварда шуда буд. *Мири ин ҷаҳон* – иблис аст. Ба маънои аслӣ иблис дар Ҷолҷолто пурра мағлуб шуда буд. Вай гумон карда буд, ки Худовандро барои ҳамеша нобуд карда тавонист. Наҷотдиҳанда ба ҷои ин ба одамон роҳи наҷотро таъмин намуд ва, дар айни ҳол иблис ва лашкари вайро мағлуб кард. Ҷазо дар ҳаққи иблис ҳанӯз ба иҷро расонда нашудааст, аммо ҳалокати вай пешакӣ ҳал шудааст. Вай ҳанӯз дар ҷаҳон мегардад ва кори бади худро давом

медиҳад, аммо ин муваққатист, зеро вай ба кӯли оташ *ронда мешавад.*

**12,32** Қисми якуми ин оят ба марги Масеҳ дар салиб дахл дорад. Ӯ бар салиби чӯбин мехкӯб шуда, *аз замин боло бурда шуд.* Худованд гуфт: агар Ӯро ҳамин тавр маслуб кунанд, Ӯ *ҳамаро ба сӯи Худ мекашад.* Ин якчанд маънидод дошта метавонад. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки Масеҳ ҳамаи одамонро ё ба наҷот, ё ба доварӣ мекашад. Дигарон гумон мекунанд, ки агар Масеҳ дар мавъизаи Инҷил болобардор карда шавад, Хушхабар қудрати калоне хоҳад дошт, то ҷонҳоро ба Ӯ ҷалб намояд. Аммо маънидоди дуруст, аз афташ, чунин аст: дар натиҷаи маслуб шудани Худованд Исо ҳамаи одамон ба сӯи Ӯ кашида мешаванд. На ҳамаи одамон бе истисно, аммо намояндагони ҳар як халқ, қабила ва забон.

**12,33** Оид ба болобардор шудан сухан ронда, Худованд Исо мефаҳмонд, ки *бо чӣ марг бояд мурад,* яъне ба воситаи маслубшавӣ. Ин ҷо боз ба мо ҳамадонии Худованд нишон дода шудааст. Ӯ пешакӣ медонист, ки дар бистар ё бо амри тасодуф намемирад, балки ба салиб мехкӯб карда мешавад.

**12,34** *Мардум* аз изҳороти Худованд оид ба *боло бурда шудан* ҳайрон шуданд. Аз суханони Ӯ мардум медонистанд, ки Ӯ Масеҳ буданро иддао мекард, аммо аз Аҳди Қадим маълум буд, ки Масеҳ ҷовидона хоҳад буд (ниг. Иш. 9,7; Заб. 109,4; Дон. 7,14; Мик. 4,7). Аҳамият диҳед, ки одамон суханони Исоро чӣ гуна такрор мекарданд: «... *Писари Одам бояд боло бурда шавад*». Дар асл Ӯ гуфт: «Ман аз замин боло бурда мешавам». Албатта, Худованд Исо борҳо зикр карда буд, ки Ӯ Писари Одам аст, ва, эҳтимол, пештар ҳатто оид ба Писари Одам, ки аз замин боло бурда шудааст, гуфта буд, бинобар ин одамон бо осонӣ ин ду фикрро бо ҳам пайваста метавонистанд.

**12,35** Ҳангоме халқ аз Исо пурсид, ки ин Писари Одам кист, Ӯ боз Худро *нури* ҷаҳон номид. Ӯ ёдрас намуд, ки *нур* муддати каме бо онҳо хоҳад буд. Онҳо бояд бо Нур бошанд ва дар Нур қадамгузор бошанд, то *зулмот,* ки он ҷо онҳо дар ҷаҳолат доимо пешпо хоҳанд хӯрд, *онҳоро фаро нагирад.*

Ин ҷо Худованд Худро ба офтоб ва рӯшноии рӯз, ки вай инро паҳн мекунад, монанд мекард. Офтоб пагоҳӣ мебарояд, нисфирӯзӣ ба нуқтаи авҷ мерасад ва бегоҳӣ ғуруб мекунад. Он фақат муддати маҳдуд бо мост. Мо бояд аз вақте ки он рӯшноӣ медиҳад, истифода барем, зеро ҳангоме ки шаб фаро мерасад, он ба мо фоида намеоварад. Ба маънои рӯҳонӣ касе ки ба Худованд Исо имон дорад, дар нур роҳ меравад. Касе ки Ӯро рад мекунад, *дар торикӣ роҳ меравад, ва намедонад куҷо меравад.* Вай роҳнамоии илоҳиро надорад, ва вай тамоми ҳаёт пешпо мехӯрад.

**12,36** Боз ҳам Худованд шунавандагони худро даъват намуд, ки *то даме ки* имкон ҳаст, ба Ӯ *имон оваранд.* Чунин рафтор намуда, онҳо *писарони нур* хоҳанд шуд. Онҳо дар роҳнамоии зиндагӣ ва ба ҷовидонӣ боварӣ хоҳанд дошт. Пас аз ин суханон Худованд *аз пеши* одамон *рафт* ва аз онҳо пинҳон шуд.

### Д. Нобоварии аксари яҳудиён (12,37-43)

**12,37** Юҳанно дар ин ҷо нақли худро қатъ карда, ҳайрати худро оид ба он изҳор менамояд, ки *бо вуҷуди мӯъҷизаҳои бисёре* ки Худованд Исо пеши назари одамон нишон дод, *онҳо ба Ӯ имон наоварданд.* Чунон ки мо аллакай зикр карда будем, нобоварии онҳо натиҷаи камии шаҳодатҳо набуд. Худованд шаҳодатҳои боварибахши илоҳияти Худро пешниҳод намуд, аммо одамон бовар кардан намехостанд. Онҳо мехостанд подшоҳе дошта бошанд, ки онҳоро идора кунад, аммо тавба кардан намехостанд.

**12,38** Нобоварии яҳудиён ба пешгӯии Ишаъё 53,1 мувофиқат мекард. Ба саволи: «*Худовандо! Кӣ ба пайғоми мо бовар кард?*» – ҷавобе меояд: «На он қадар бисёр!» Чунон ки бозу дар Навиштаи Муқаддас оид ба қудрат ё қувват мегӯяд, ибораи «*бозуи Худованд*» оид ба қудрати тавонои Худо мегӯяд. Тавоноии Худо танҳо ба онҳое *ошкор мегардад,* ки ба хабари Худованд Исо бовар мекунанд. Аммо азбаски миқдори ками одамон хабарро оид ба Масеҳ қабул карданд, қуввати Худо ба миқдори ками одамон ошкор шуд.

**12,39** Ҳангоме ки Худованд Исо Худро ба халқи Исроил зоҳир кард, он Ӯро рад намуд. Борҳо Худованд ба одамон муроҷиат карда, наҷотро пешниҳод мекард, аммо онҳо ба Ӯ «не» гуфтанро давом медоданд. Ҳар қадаре ки одамон Инҷилро рад кунанд, қабул кардани

он барояшон ҳамон қадар душвортар мешавад. Ҳангоме ки одамон чашмонашонро аз Нур мепӯшонанд, Худо онҳоро аз имконияти дидани Нур маҳрум мекунад. Худо ба онҳо зарбаҳо мерасонад, ки чун «кӯрии мурофиавӣ» маълум аст, яъне кӯрие ки натиҷаи доварии Худо бар онҳо барои аз Писари Ӯ даст кашидан аст.

**12,40** Ин иқтибос аз Ишаъё 6,9.10 аст. Худо *чашмони* исроилиёнро *кӯр ва дилҳои онҳоро сахт гардондааст.* Аммо Ӯ инро фақат баъди он кард, ки худи онҳо чашмонашонро пӯшонданд ва ва дилҳои худро сахт карданд. Исроилиён дар натиҷаи якравона ва барқасдона рад кардани Масеҳ аз биноӣ, фаҳмиш ва қобилияти бовар кардан барои шифо ёфтан маҳрум шуданд.

**12,41** Дар боби 6-уми Ишаъё *ҷалоли* Худоро мушоҳида кардани пайғамбар тасвир шудааст. Ин ҷо Юҳанно мефаҳмонад, ки Ишаъё *ҷалоли* Масеҳро *дид ва дар бораи* Масеҳ *сухан ронд.* Ҳамин тариқ, ин боз як ҷузъи муҳим дар силсилаи далелҳоест, ки Худо будани Исои Масеҳро нишон медиҳанд.

**12,42** *Бисёре аз сардорони* яҳудӣ боварӣ ҳосил карданд, ки Исо Масеҳ аст. Аммо онҳо ҷуръат намекарданд ақидаҳояшонро ба дигарон бигӯянд, зеро аз ронда шудан метарсиданд. Мехостем фикр кунем, ки ин одамон имондорони ҳақиқии Худованд Исо буданд, аммо ин шубҳаовар аст. Он ҷое ки бовари ҳақиқӣ ҳаст, дер ё зуд эътирофи Масеҳ ба амал меояд. Ҳақиқатан Масеҳро чун Наҷотдиҳанда қабул карда, ҳеҷ кас дар қарори худ дудила намешавад, то новобаста ба натиҷаҳояш дар ин бора ба ҳама бигӯяд.

**12,43** Яқинан ин одамон *эҳтироми одамонро* бештар аз *эҳтироми Худо* дӯст медоштанд. Онҳо бештар оид ба он фикр мекарданд, ки одамон онҳоро таҳсин кунанд, на Худо. Оё ин гуна одамон метавонанд ба Масеҳ самимона бовар дошта бошанд? Ҷавобро дар боби 5, ояти 44 бинед.

## Е. Хатари нобоварӣ (12,44-50)

**12,44** Агар ояти 44-ро дигар хел баён кунем, чунин мешавад: «Касе ки ҳақиқатан *ба Ман имон оварад,* на танҳо *ба Ман,* балки ба Падари Ман, ки *Фиристандаи Ман* аст, низ *имон овардааст».* Ин ҷо Худованд боз ба ягонагии пурраи Худ бо Худо Падар ишора мекунад. Ба Яке бовар кардан ва ба Дигаре бовар накардан имконнопазир аст. Ба Масеҳ бовар кардан – ба Худо Падар бовар кардан аст. Ба Падар бовар карда, дар айни ҳол ба Писар шарафи баробарро қоил нашудан имконнопазир аст.

**12,45** Ба як маъно ҳеҷ кас Худо Падарро дида наметавонад. Ӯ рӯҳ аст ва ба ҳамин сабаб диданашаванда аст. Аммо Худованд Исо ба ҷаҳон омад, то мо донем, ки Худо чӣ гуна аст. Бо ин мо дар назар дорем, ки Ӯ ба мо на оид ба моҳияти табиии Худо, балки оид ба моҳияти маънавии Ӯ хабар мерасонад. Ӯ ба мо Шахсияти Худоро зоҳир намуд. Бинобар ин, ҳар кӣ Масеҳро дидааст, Худоро дидааст.

**12,46** Аз афташ, мисол бо *нур* – яке аз дӯстдоштатарин мисолҳои Худованд аст. Боз ҳам Ӯ Худро бо *нуре* шабоҳат медиҳад, ки *ба ҷаҳон* омадааст, то ҳар кӣ ба Ӯ бовар кунад, *дар торикӣ намонад.* Бе Масеҳ одамон дар торикии зулмот ҳастанд. Онҳо аз фаҳмиши дурусти ҳаёт, марг ва ҷовидонӣ маҳруманд. Аммо онҳое ки ба назди Масеҳ бо имон омадаанд, ҳақиқатро дигар намеҷӯянд, зеро онро дар Ӯ ёфтаанд.

**12,47** Мақсади омадани якуми Масеҳ на *бар ҷаҳон доварӣ* кардан, *балки* онро *наҷот* додан буд. Ӯ онҳоеро, ки ба суханони Ӯ гӯш кардан ё бовар кардан намехостанд, доварӣ намекард. Ин маънои онро надорад, ки Ӯ ин беимононро дар рӯзи меомада доварӣ намекунад, аммо ин гуна доварӣ мақсади омадани якуми Ӯ набуд.

**12,48** Худованд он рӯзи вопасинро интизор буд, ки онҳое ки суханони Ӯро рад карданд, дар пеши доварии Худо хоҳанд истод. Он гоҳ *калом* ё таълимоти Худованд Исо барои маҳкум кардани онҳо кофӣ хоҳад буд.

**12,49** Исо таълимоташро Худ бофта набаровардааст ва дар мактабҳои одамӣ ёд нагирифтааст. Чун Хизматгор ва Писари итоаткор Ӯ фақат он чизеро мегӯяд, ки Падар ба Ӯ фармудааст, то *гӯяд.* Ин фактест, ки дар рӯзи вопасин одамонро доварӣ хоҳад кард. Сухане ки Исо мегуфт, сухани Худо буд, ва одамон онро шунидан нахостанд. Падар на танҳо *чӣ гуфтан,* балки *чӣ гуна сухан ронданро* ба Ӯ баён кардааст. Ин ду мафҳум аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд. *«Чӣ гуфтан»* ба моҳияти хабар

дахл дорад. «Чӣ *гуна сухан рондан*» ба худи калимаҳое дахл дорад, ки Худованд бояд ҳангоми таълим додани ҳақиқати илоҳӣ ба кор барад.

**12,50** Исо медонист, ки Падар ба Ӯ фармудааст, то ба онҳое ки ба Ӯ имон меоваранд, *ҳаёти абадӣ* ато кунад. *Пас,* Масеҳ ҳамон тавре сухан меронд, ки *Падар* ба Ӯ фармуда буд.

Акнун мо ба лаҳзаи дигаргунии қатъӣ дар нақл наздик мешавем. То ин лаҳза Худованд Худро ба Исроил зоҳир мекард. Ҳафт аломат, ё муъҷиза навишта шудаанд, ва ҳар кадоми онҳо нишон медиҳад, ки ҳар гунаҳкори ба Масеҳ имоновардаро чӣ интизор аст. Ин аломатҳо инҳоянд:

1. Ба май табдил додани об дар базми арӯсӣ дар Қонои Ҷалил (2,1-12). Он рамзи гуноҳкорест, ки аз хурсандии илоҳӣ бегона буда, бо қудрати Масеҳ дигаргун мешавад.
2. Шифо ёфтани писари дарборӣ (4,46-54). Он рамзи гуноҳкорест, ки бемор буда, муҳтоҷи саломатии рӯҳонист.
3. Шифо ёфтани бемор дар ҳавзи Байт-Ҳасдо (боби 5). Гуноҳкори бечора беқувват аст ва барои шифо додани худ ҳеҷ коре карда наметавонад. Исо вайро аз беқувватӣ шифо медиҳад.
4. Сер кардани 5 ҳазор (боби 6). Гуноҳкор бе ғизо ва гурусна буда, муҳтоҷи он чизест, ки қувват медиҳад. Худованд ба ҷони вай ғизо медиҳад, то ки вай дигар ҳеҷ гурусна намонад.
5. Ором кардани кӯли Ҷалил (6,16-21). Гуноҳкор дар ҷои хатарнок аст. Худованд вайро аз тӯфон наҷот медиҳад.
6. Шифо ёфтани кӯри модарзод (боби 9). Ин шахс рамзи кӯрии дили одамист, ки ҳанӯз қувваи Масеҳ онро ламс накардааст. То даме ки Рӯҳулқудс ба одам маърифат ато накунад, на гуноҳкории худ, на зебоии Наҷотдиҳандаро дида наметавонад.
7. Растохези Элъозор аз мурдагон (боби 11). Ин муъҷиза, албатта, ба мо хотиррасон мекунад, ки гуноҳкор аз рӯи гуноҳҳо ва ҷиноятҳо мурда аст ва муҳтоҷи ҳаёт аз олами болост.

Ҳамаи ин муъҷизаҳо бояд исбот кунанд, ки Исо – Масеҳ, Писари Худост.

## Ё. Исо пойҳои шогирдони Худро мешӯяд (13,1-11)

Аз боби 13 гуфтугӯҳо дар болохона сар мешаванд. Исо дигар дар байни яҳудиёни мухолиф намегашт. Ӯ ҳамроҳи шогирдонаш дар болохонае дар Уршалим хилватгузин шуд, то вақти боқимондаро то санҷиши оянда ва маслубшавӣ дар мушоракат бо онҳо гузаронад. Бобҳои 13-17-уми Инҷили Юҳанно яке аз ҷойҳои дӯстдоштатарин дар тамоми Аҳди Нав аст.

**13,1** Як рӯз пеш аз маслубшавӣ Худованд *Исо донист, ки соати* мурдан, зинда шудан ва ба осмон баргаштани *Ӯ расидааст. Ӯ мансубони Худро дар ин ҷаҳон дӯст медошт,* яъне онҳоеро, ки ҳақиқатан имон овардаанд. Ӯ то ба охири хизматгузории заминии Худ онҳоро *дӯст медошт* ва ҷовидона дӯст хоҳад дошт. Аммо Ӯ ҳамчунин онҳоро ба дараҷаи беандоза *дӯст медошт* ва мехост инро исбот кунад.

**13,2** Юҳанно намегӯяд, ки ин ҷо кадом *шом* зикр шудааст – шоми Песаҳ, Шоми Худованд ё хӯрокхӯрии маъмулӣ. *Иблис дар дили Яҳудо* фикре андохт, ки ҳоло айнан вақти *таслим кардани* Исо фаро расидааст. Яҳудо бадиро бар зидди Худованд пештар андешида буд, аммо акнун барои иҷрои нақшаҳои ифлосаш ба вай ишора дода шуда буд.

**13,3** Ояти 3 таъкид мекунад, ки вазифаи ғуломро кӣ иҷро мекард – на фақат раббӣ, ё устод, балки Исо, ки илоҳияти Худро дарк мекард. Ӯ медонист, ки кадом коре ба Ӯ супурда шудааст. Ӯ медонист, ки *аз ҷониби Худо омада буд ва ба сӯи Худо меравад*.

**13,4** Ӯ Кӣ будани Худро, вазифаи Худро дарк мекард, ва ин ба Ӯ имкон дод, ки хам шуда пойҳои шогирдонашро шӯяд. Аз *сари дастархон* бархеста Худованд *ҷомаи* дарози болопӯшии *Худро кашид.* Сипас, *дастмолеро* гирифта, ба миёнаш чун пешдоман баст ва ҷои ғуломро ишғол кард. Мо метавонистем интизори он бошем, ки ин воқеа дар Инҷили Марқӯс, Инҷили Хизматгори Комил, тасвир мешавад. Аммо дар Инҷили Писари Худо ҷойгир шудани ин воқеа онро боз ҳам бештар тааҷҷубовар мекунад.

Ин амали рамзӣ ба мо ёдрас мекунад, ки Худованд манзили осмонии Худро тарк карда, ба ин ҷаҳон чун Хизматгор омад ва ба офаридаҳояш хизмат кард.

**13,5** Дар кишварҳои Шарқ шиппакҳои кушода мепӯшанд, ва аз ин сабаб зарурати тез-тез *шустани пойҳо* ба миён меояд. Пойҳои меҳмононро шустани ғуломи соҳиби хона маъмул буд ва аломати меҳмоннавозӣ ва илтифот ҳисобида мешуд. Ин ҷо Соҳиби илоҳӣ ғулом шуд ва ин вазифаи хоксоронаро ба ҷо овард. Исо дар пеши пойҳои хиёнаткор – чӣ манзарае! Чӣ дарси ибрат барои мо!

**13,6** *Петрус* аз фикр оид ба он ки Худованд *пойҳои* вайро *мешӯяд,* ба изтироб омада, норозигӣ баён кард: чӣ гуна чунин Худованди бузург барои чунин шахси носазовор паст мефарояд? Намуди Худо дар нақши хизматгор боиси безобитагӣ мегардад.

**13,7** *Исо* ба Петрус фаҳмонд, ки рафтори Ӯ маънои рӯҳонӣ дорад. Шустани пойҳо тимсоли як навъ таҳорати рӯҳонӣ аст. Петрус медонист, ки Худованд амали ҷисмониро иҷро мекунад, аммо аҳамияти рӯҳонии онро *намефаҳмид.* Аммо вай пас аз чанде *мефаҳмад,* зеро Худованд инро мефаҳмонад. Ва ӯ инро аз таҷрибаи худ *мефаҳмад,* ҳангоме ки дертар, баъди инкор карданаш, ба назди Худованд бармегардад.

**13,8** Петрус намунаи зиндаи ифротҳои хислати одамист. Вай қасам хӯрд, ки Худованд *пойҳои вайро ҳаргиз намешӯяд;* ин ҷо *«ҳаргиз»* айнан маънои «то абад не»-ро дорад. Худованд ба Петрус ҷавоб дод, ки бе ин шустушӯ ҳеҷ гуна ягонагӣ бо Ӯ буда наметавонад. Маънои шустани пойҳо акнун ошкор гардид. Азбаски масеҳиён дар ин ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, онҳо бо ифлосӣ дар тамос ҳастанд. Онҳо суханҳои қабеҳро мешунаванд, чизҳои расворо мебинанд, бо бехудоён кор мекунанд, ва ин хоҳ-нохоҳ ҳар як имондорро олуда мекунад. Вай бояд доимо пок карда шавад.

Ин поккуниро оби Сухан ба амал меорад. Ҳангоме ки мо Навиштаи Муқаддасро мехонем ва меомӯзем, ҳангоме мавъизаи онро мешунавем, ва оид ба он бо ҳам муҳокимаронӣ мекунем, дармеёбем, ки он моро аз таъсироти берунии бад пок мекунад. Аз тарафи дигар, ҳар қадаре ки мо Навиштаи Муқаддасро сарфи назар кунем, ин таъсири бад дар ақлҳо ва дилҳои мо мемонад, бе он ки боиси безобитагии мо шавад. Ҳангоме Исо гуфт: *«Туро бо Ман ҳиссае нест»,* Ӯ онро дар назар надошт, ки то даме Ӯ пойҳои Петрусро нашӯяд, вай наҷот нахоҳад ёфт, балки гуфтан мехост, ки мушоракат бо Худованд фақат ба воситаи амали поккунандаи Навиштаи Муқаддас дар ҳаёти вай нигаҳдорӣ карда мешавад.

**13,9-10** Акнун *Петрус* ба ифроти дигар рӯ овард. Дақиқае пеш вай гуфт: «Ҳаргиз». Акнун вай чунин гуфт: «Ҳама ҷоямро бишӯй».

Пойҳои шахсе ки аз ҳаммоми ҷамъиятӣ меояд, боз ифлос мешаванд. Аммо зарур нест, ки вай боз тамоми баданашро бишӯяд, вай бояд фақат пойҳояшро шӯяд. *«Касе ки шустушӯй кардааст, фақат ба шустани пойҳояш эҳтиёҷ дорад, чунки вай тамоман пок аст».* Байни ҳавз ва тағора фарқ ҳаст. Ҳавз рамзи покшавиест, ки дар лаҳзаи наҷот ба даст омадааст. Покшавӣ аз ҷазои гуноҳ ба василаи Хуни Масеҳ танҳо як бор воқеъ мешавад. Тағора рамзи покшавӣ аз ифлосии гуноҳ аст, ки бояд зери таъсири Каломи Худо доимо ба амал ояд. Танҳо як ҳавз ҳаст, аммо тағораҳои бисёре барои пой ҳастанд. *«Ва шумо пок ҳастед, лекин на ҳама»* маънои онро дорад, ки ҳамаи шогирдон аз ҳавзи зодашавии дубора гузаштанд, ғайр аз Яҳудо. Вай наҷотро қабул накард.

**13,11** Ҳамадон буда, Худованд *медонист,* ки Яҳудо *таслимкунандаи* Ӯст, бинобар ин Ӯ яке аз онҳоро чун касе ки ҳеҷ гоҳ аз ҳавзи зодашавии нав нагузаштааст, ҷудо кард.

### Ж. Исо шогирдони Худро таълим медиҳад, ки ба намунаи Ӯ пайравӣ кунанд (13,12-20)

**13,12** Чунин менамояд, ки Масеҳ *пойҳои* ҳамаи *шогирдонро шуст.* Сипас Ӯ *либосҳои Худро пӯшида, боз нишаст,* ва маънои рӯҳонии кори кардаашро фаҳмонд. Ӯ сӯҳбатро бо савол сар кард. Таҳлил намудани саволҳои Наҷотдиҳанда қобили таваҷҷӯҳ аст. Онҳо яке аз усулҳои самарабахштарини таълим мебошанд.

**13,13-14** Шогирдон тасдиқ намуданд, ки Исо *Устод ва Хоҷаи* онҳост, ва ҳақ ба ҷониби онҳо буд. Аммо мисоли Ӯ нишон дод, ки мақоми баландтарин дар Подшоҳӣ ба хизматгор тааллуқ дорад.

*Агар Устод ва Хоҷа пойҳои* шогирдонро *шуста* бошад, онҳо бо чӣ сафед карда мешаванд, агар *пойҳои якдигарро* нашӯянд? Оё Худованд дар назар дошт, ки онҳо бояд айнан пойҳои якдигарро шӯянд?[39] Оё вай ин ҷо

расму русуми калисоиро таъсис медод? Не, ин амал маънои рӯҳонӣ дошт. Ӯ ба шогирдон мегуфт, ки онҳо бояд якдигарро дар покии мушоракат дар Каломи Худо нигоҳ доранд. Агар касе пай барад, ки бародараш ба корҳои ҳеҷу пуч дода шудааст ва ё бепарво гардидааст, вай бояд ӯро мувофиқи Навиштаи Муқаддас бо муҳаббат насиҳат кунад.

**13,15-16** Худованд *ба* онҳо *намунае,* дарси ибрати амалие *нишон дод,* ки онҳо ба маънои рӯҳонӣ бояд ба ҳамдигар чӣ *бикунанд.*

Агар ғурур ё хашмгинии шахсӣ барои ба бародаронамон хизмат кардан халал расонанд, мо бояд дар дар ёд дошта бошем, ки мо аз *Хоҷаи* худ *бузургтар нестем,* Ӯ фурӯтан шуд, то пойҳои онҳоеро шӯяд, ки нолоиқ ва носипос буданд, агарчи медонист, ки яке аз онҳо Ӯро таслим мекунад. Оё шумо метавонистед хам шуда ба касе хизмат кунед, агарчи медонед, ки вай ба наздикӣ шуморо дар ивази пул фурӯхтанист? *Расулон* (шогирдон) набояд худро барои корҳое ки *Фиристандаи* онҳо (Худованд Исо) мекард, беҳад баланд ҳисобанд.

**13,17** *Донистани* ин ҳақиқатҳо оид ба фурӯтанӣ, беғаразӣ ва хизмат – як чиз аст; аммо кас метавонад онҳоро донад ва ҳеҷ гоҳ иҷро накунад. Арзиши аслӣ ва баракат дар иҷрои онҳост!

**13,18** Ҳамаи ҳақиқатҳо оид ба хизмате ки Худованд ҳозиракак ба воситаи он таълим медод, ба Яҳудо дахл надоштанд. Ӯ яке аз онҳое набуд, ки Худованд онҳоро бо Инҷил ба тамоми ҷаҳон мефиристад. Исо медонист, ки гуфтаҳои Навиштаи Муқаддас, аз ҷумла Забур 41,9, оид ба таслим намудани Ӯ *бояд ба амал ояд.* Яҳудо касе буд, ки дар давоми се сол ҳамроҳи Худованд нон мехӯрд, аммо бо вуҷуди ин *пошнаи худро ба Ӯ баланд кард,* – ифодаи ишоракунанда ба он, ки вай Худовандро таслим намуд. Дар Забур 41 хиёнаткор ҳатто чун «дӯсти наздики ман» тасвир шудааст.

**13,19** Худованд ба шогирдон ошкор намуд, ки таслим карда мешавад, то ки ҳангоми воқеъ шуданаш онҳо бовар кунанд, ки Ӯ илоҳияти ҳақиқиро дорост. Калимаи «ин»-ро аз ин ҷумла гирифтан мумкин аст. *«То ки ... бовар кунед, ки МАН ҲАСТАМ».* Исо дар Аҳди Нав – Яҳуваи Аҳди Қадим аст. Ҳамин тариқ, пешгӯии иҷрошуда яке аз далелҳои азими илоҳияти Масеҳ, ва инчунин, ин ҷо илова мекунем, илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаи Муқаддас аст.

**13,20** Худованди мо медонист, ки таслим карда мешавад ва ин боиси пешпо хӯрдан ва шубҳаҳои шогирдон шуда метавонад. Бинобар ин Ӯ суханони дастгирӣ ва дилбардориро илова намуд. Онҳо бояд дар ёд нигоҳ доранд, ки бо вазифаи илоҳӣ фиристода шудаанд. Онҳо бояд ба дараҷае бо Ӯ ҳаммонанд шаванд, ки шахсони онҳоро қабул мекарда бо ҳамин Ӯро қабул кунанд. Монанди он ки қабулкунандагони Масеҳ Худо Падарро қабул мекунанд. Ҳамин тариқ, алоқаи наздик бо Худо Писар ва Худо Падар барояшон бояд дастгирӣ бошад.

### 3. Исо пешгӯӣ кард, ки таслим карда мешавад (13,21-30)

**13,21-22** Донистани он ки яке аз шогирдон Ӯро таслим хоҳад кард, Худовандро хеле ба ташвиш меовард. Чунин менамояд, ки ин ҷо Исо ба хиёнаткор имконияти охиринро дод, то аз нақшаи бадкирдоронаи худ даст кашад. Вайро рӯйрост фош накарда, Худованд нишон дод, ки оид ба мақсади *яке аз* дувоздаҳ оид ба *таслим* намудани Ӯ медонад. Аммо ҳатто ҳамин суханон фикрҳои хиёнатгарро дигаргун карда натавонистанд.

Шогирдони дигар аз Яҳудо гумонбар набуданд. Онҳо ҳайрон шуданд, ки яке аз онҳо ин корро мекунад, ва ҳайрон буданд, ки ин кӣ буда метавонад.

**13,23** Дар он ҷо одамон ҳангоми хӯрокхӯрӣ назди миз наменишастанд, балки дар кӯрпача якпаҳлу дароз мекашиданд. Юҳанно, муаллифи ин Инҷил, он шогирде буд, ки *Исо вайро дӯст медошт.* Ӯ номи худро зикр накард, аммо натарсид гӯяд, ки вай дар дили Наҷотдиҳанда ҷои махсус дошт. Худованд ҳамаи шогирдонро дӯст медошт, аммо Юҳанно аз илтифоти махсуси наздикӣ бо Ӯ бархурдор буд.

**13,24-25** *Петрус ба вай* бо овози баланд нагуфт, балки *ишорат кард.* Шояд, сар ҷунбонда, вай аз Юҳанно хоҳиш кард, ки номи хиёнаткорро пурсад.

Юҳанно, *бар сандуқи синаи Исо такя зада,* пичир-пичиркунон саволеро дод, ва ба он, аз афташ, бо ҳамон гуна овози паст ҷавобро шунид.

**13,26** *Исо ҷавоб дод,* ки оне ки Ӯ *ба вай тиккаи нонро* ба май ё оби таом *ғӯтонда медиҳад,* хиёнаткор аст. Баъзеҳо мегӯянд, ки дар Шарқ соҳиби хона ба меҳмони фахрӣ нонро дароз мекунад. *Яҳудоро* меҳмони фахрӣ карда, Худованд ба вай марҳамат ва муҳаббати махсуси Худро нишон медод, ва бо ҳамин мехост вайро ба тавба водор намояд. Дигарон тахмин мекунанд, ки одатан ҳангоми шоми Песаҳи яҳудиён нонро ҳамин тавр дароз мекарданд. Агар ҳамин тавр бошад, Яҳудо то таъсиси Шоми Худованд, ҳангоми шоми Песаҳи яҳудиён рафт.

**13,27** Иблис аллакай дар дили Яҳудо фикри таслим намудани Худовандро ворид намуд. Акнун *шайтон ба даруни вай рафт.* Дар аввал ин фақат пешниҳод буд. Аммо Яҳудо онро қабул кард. Он ба вай маъқул шуд, ва вай бо он розӣ шуд. Акнун иблис вайро зери назорати худ гирифт. Ҳамин ки Худованд кӣ будани хиёнаткорро ба таври ниҳоӣ нишон дод, Ӯ ба вай фармуд, ки инро *ба зудӣ кунад.* Яқинан, Ӯ вайро ба кори бад ҳавасманд намекард, балки беумедии андӯҳгинона зоҳир менамуд.

**13,28-29** Ин оят тасдиқ мекунад, ки шогирдони дигар гуфтугӯи пешинаи байни Исо ва Юҳанноро оид ба нон нашунида буданд. Онҳо ҳанӯз намедонистанд, ки Яҳудо Худованди онҳоро таслим карданист.

*Баъзеҳо гумон карданд,* ки Исо ба Яҳудо фармуд, то зуд рафта *барои ид харид кунад* ва ё, азбаски Яҳудо хазинадор буд, аз вай хоҳиш кард, то рафта чизе ба *камбағалон* диҳад.

**13,30** Яҳудо *тиккаи* нонро чун нишонаи илтифоти махсус *гирифт,* ва баъд ҷамъияти Худованд ва дигар шогирдонро тарк кард. Навиштаи Муқаддас калимаҳои маънодори *«ва шаб* буд»-ро илова мекунад. Барои Яҳудо на танҳо ба маънои аслӣ, балки ба маънои рӯҳонӣ низ шаб буд, ки ҳеҷ гоҳ тамом намешавад. Барои онҳое ки ба Наҷотдиҳанда пушт мегардонанд, ҳамеша шаб хоҳад буд.

## И. Фармони нав (13,31-35)

**13,31** Ҳамин ки Яҳудо рафт, сӯҳбати *Исо* бо шогирдонаш боз ҳам озодтар ва самимӣ гардид. Шиддатнокӣ паст шуд. *«Акнун Писари Одам ҷалол ёфт»,* – гуфт Ӯ. Худованд интизори кори раҳоӣ буд, ва Ӯ азми ба ҷо овардани онро дошт. Марги Ӯ, шояд, чун шикаст метофт, аммо ин воситае буд барои ба наҷот ҳидоят намудани гуноҳкорони талафшуда. Баъди он растохез ва боло шудани Ӯ буданд, ва дар ҳамаи ин Ӯ ҷалоли азимро нишон дод. Ва *Худо дар* корҳои Наҷотдиҳанда *ҷалол ёфт.* Марги Ӯ маънои онро дошт, ки Ӯ Худои қуддус аст ва тоқати гуноҳҳои моро надорад, аммо Ӯ ҳамчунин Худои дӯстдор аст, ки ҳалокати гуноҳкорро намехоҳад; он эълон намуд, ки чӣ гуна Ӯ, Худои одил, ба ҳар ҳол метавонист гуноҳкоронро сафед кунад. Ҳар яке аз хусусиятҳои илоҳият дар Ҷолҷолто ба нуқтаи олитарини худ расиданд.

**13,32** *«Агар Худо дар Ӯ ҷалол ёфт* – ва Ӯ ҷалол ёфт,[40] *Худо низ Ӯро дар Худ ҷалол медиҳад».* Худо хоҳад дид, ки Писари дӯстдоштаи Ӯро ба таври сазовор иззату икром мекунанд. *«Ва ба зудӣ Ӯро ҷалол медиҳад»* – бе таъхир. Худо Падар ин пешгӯии Худованд Исоро иҷро кард, ва Ӯро аз мурдагон зинда намуда, ба ямини Худ дар осмонҳо нишонд. Худо барқарор шудани Подшоҳиро интизор намешавад. Ӯ Писари Худро *ба зудӣ ҷалол медиҳад.*

**13,33** Худованд Исо бори аввал ба шогирдонаш чун ба *фарзандон* муроҷиат кард, бо суханони навозишкорона. Ва Ӯ фақат баъди рафтани Яҳудо чунин кард. *Муддати каме* Ӯ бо онҳо хоҳад буд. Ба наздикӣ Ӯ дар салиб мемирад. Онҳо Ӯро *ҷустуҷӯ* мекунанд, аммо аз пайи Ӯ рафта наметавонанд, зеро Ӯ ба осмон бармегардад. Худованд худи ҳаминро ба *яҳудиён* низ гуфт, аммо Ӯ ба он суханон маънои дигар медод. Рафтани Ӯ барои шогирдонаш фақат муваққатӣ хоҳад буд. Ӯ боз ба назди онҳо хоҳад омад (б. 14). Аммо барои *яҳудиён* рафтани Ӯ ниҳоӣ ва бебозгашт хоҳад буд. Ӯ ба осмон бармегардад, аммо онҳо аз боиси беимонии худ аз пайи Ӯ рафта наметавонанд.

**13,34** Дар вақти набудани Ӯ шогирдон бояд *фармудаи дӯст доштанро* роҳнамои худ қарор диҳанд. Ин фармон аз ҷиҳати замон нав набуд, зеро Даҳ фармон дӯст доштани Худо ва наздиконро таълим медоданд. Аммо ин *ҳукм* аз дигар ҷиҳат нав буд. Ин фармон аз он сабаб *нав* аст, ки Рӯҳулқудс ба имондорон қувваи нав медиҳад, то ки онҳо ба он итоат карда

тавонанд. Он аз ин ҷиҳат *нав* аст, ки аз фармони пештара афзалият дорад. Фармони пештара чунин мегуфт: «Ёри худро дӯст дор», аммо фармони нав чунин мегӯяд: «Душманони худро дӯст доред».

Хуб гуфта шудааст, ки қонуни дӯст доштани дигарон акнун аниқии нав дорад, водоркунандаҳо ва уҳдадории нав дорад, бо намунаҳои нав нишон дода мешавад ва итоати навро металабад.

Чунон ки дар оят гуфта шудааст, фармон нав буд, зеро ба дӯст доштан дар сатҳи болотар даъват мекард: *«Чунон ки Ман шуморо дӯст доштаам, шумо низ якдигарро дӯст доред»*.

**13,35** Нишонаи шогирдии масеҳӣ на салиб дар гардан ё дар гиребони камзӯл ва на либоси махсус аст. Ҳар кас метавонист ҳамин тавр худро шогирд вонамуд созад. Нишонаи ҳақиқии масеҳӣ – *дӯст доштани* бародарони масеҳии худ мебошад. Он қувваи илоҳиро металабад, ва ин қувва фақат ба онҳое дода мешавад, ки дар Рӯҳ мебошанд.

### Й. Исо инкор кардани Петрусро пешгӯӣ мекунад (13,36-38)

**13,36** *Шимъуни Петрус* намефаҳмид, ки Исо оид ба марги Худ мегӯяд. Вай гумон мекард, ки Худованд дар ҳамин ҷо, дар замин ба сафар баромаданист, ва намефаҳмид, ки чаро вай наметавонад ҳамроҳ равад. Худованд фаҳмонд, ки Петрус *аз паси* Ӯ дертар, яъне баъди мурдан *меравад,* аммо ҳоло ин корро карда наметавонад.

**13,37** *Петрус* бо самимият ва ғайрати хоси худ изҳор кард, ки тайёр аст барои Худованд мурад. Вай гумон мекард, ки қувваи худаш кофист, то ба марги риёзаткашона барои бовар тоб оварад. Дертар вай ҳақиқатан барои Худованд мурд, аммо ин аз он сабаб ба амал омад, ки Худо ба вай қувват ва мардонагии махсус дод.

**13,38** *Исо* «ғайрати бе андеша»-и вайро тафтиш карда, чизеро хабар медиҳад, ки вай намедонист: Пеш аз он ки шаб гузарад, вай *се бор* Худовандро инкор мекунад. Ҳамин тариқ Ӯ ба Петрус ёдрас намуд, ки вай суст ва тарсончак аст ва бо эътимод ба қувваи худ ҳатто якчанд соат аз ақиби Худованд рафта наметавонад.

### Й. Исо: Роҳ, ростӣ ва ҳаёт (14,1-14)

**14,1** Баъзеҳо ин оятро бо ояти охири боби 13 пайваст карда, гумон мекунанд, ки гуфтаҳои ин ҷо ба Петрус дахл доранд. Агарчи вай Худовандро инкор мекунад, ба ҳар ҳол барояш сухани тасаллибахш ҳаст. Аммо шакли ҷамъ дар забони юнонӣ ба он далолат мекунад, ки Худованд бо ҳамаи шогирдон гап мезад, пас, баъди боби 13 бояд таваққуфе бошад. Ин ҷо чунин фикр буда метавонад: «Ман дур меравам, ва шумо Маро дида наметавонед. Бигузор *дили шумо парешон нашавад; ба Худо имон оваред,* агарчи Ӯро намебинед. Ва ба Ман низ чун пештара имон дошта бошед». Ин боз як иддаои муҳими баробарӣ бо Худост.

**14,2** *Хонаи Падар* гуфта осмон дар назар дошта шудааст, ки он ҷо иқоматгоҳ бисёр аст. Он ҷо барои ҳамаи раҳошудагон ҷой ҳаст. *Ва агар чунин намебуд,* Худованд ба онҳо *мегуфт;* Ӯ намехост, ки онҳо орзуҳои бардурӯғ дошта бошанд. *«Меравам, то ки барои шумо ҷой тайёр кунам»* ду маъно дошта метавонад. Худованд Исо ба Ҷолҷолто мебарояд, то ки барои мансубонаш ҷой тайёр кунад. Маҳз ба шарофати марги ивазкунандаи Ӯ барои имондорон дар он ҷо ҷой таъмин карда шудааст. Аммо Худованд ҳамчунин ба осмон баргашт, то ки ҷой тайёр кунад. Мо намедонем, ки ин чӣ гуна ҷоест, аммо медонем, ки дар он ҷо барои ҳамаи фарзандони Худо тамоми шароит муҳайёст, – ҷойи тайёршуда барои одамони тайёршуда!

**14,3** Ояти 3 ба замоне дахл дорад, ки Худованд аз осмон *боз меояд* ва онҳое ки дар имон мурдаанд, зинда мешаванд, зиндаҳо дигаргун мешаванд, ва ҳамаи мардуми бо хун бозхарида ба хона, ба осмон меоянд (1Тас. 4,13-18; Қур. 15,51-58). Ин омадани шахсӣ, аслии Масеҳ аст. Ӯ айнан ҳамон тавре ки рафт, *боз меояд.* Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи мансубони Ӯ ҷовидона бо Ӯ бошанд.

**14,4-5** Ӯ ба осмон рафтанӣ буд, ва онҳо *роҳро* ба осмон медонистанд, зеро Ӯ борҳо ба онҳо дар ин хусус гуфта буд.

Яқинан, *Тумо* маънои суханони Худовандро намефаҳмид. Вай ба монанди Петрус, шояд, дар бораи сафар ба ҷои дурдасти замин фикр мекард.

**14,6** Ин ояти хеле хуб тавзеҳ медиҳад, ки Худованд Исои Масеҳ Худ *роҳ* ба осмон аст. Ӯ на фақат роҳро нишон медиҳад; Ӯ *роҳ* аст.

Наҷот дар Шахсияти Ӯст. Ин Шахсиятро чун аз они худ қабул кунед, ва шумо наҷот меёбед. Масеҳият Масеҳ аст. Худованд Исо яке аз роҳҳои бисёр нест. Ӯ роҳи ягона аст. *Касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи Ӯ*. Роҳ ба сӯи Худо на ба воситаи Даҳ фармон, «қоидаи тиллоӣ», қарордодҳо, узвият дар калисо, балки фақат воситаи Масеҳ аст. Имрӯзҳо бисёриҳо мегӯянд, ки агар имон самимӣ бошад, ба чӣ имон доштан аҳамият надорад. Онҳо мегӯянд, ки ҳамаи динҳо дар худ чизи хубе доранд ва ҳамаашон дар ниҳояти кор ба осмон мебаранд. Аммо Исо гуфтааст: «Касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба воситаи Ман».

Худованд *ростӣ* аст. Ӯ на фақат Касест, ки ростиро таълим медиҳад, Ӯ *ростӣ* мебошад. Ӯ таҷассуми Ҳақиқат аст. Касе ки Исоро дорад, Ҳақиқатро дорад. Онро дигар дар ҳеҷ ҷой пайдо кардан имкон надорад.

Масеҳ Исо *ҳаёт* аст. Ӯ сарчашмаи ҳаёти рӯҳонӣ ва абадист. Касе ки Ӯро қабул мекунад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад, зеро ки Ӯ Ҳаёт аст.

**14,7** Худованд бори дигар оид ба иттиҳоди пурасроре ки байни Ӯ ва Падар ҳаст, ёдрас мекунад. Агар шогирдон медонистанд, ки Исо дар асл Кист, *Падари* Ӯро *низ мешинохтанд,* зеро Худованд Падарро ба одамон зоҳир намуд. *Аз ҳамин дам,* хусусан баъди растохези Масеҳ, шогирдон хоҳанд фаҳмид, ки Исо Худо Писар аст. Он гоҳ онҳо дарк мекунанд, ки шинохтани Масеҳ – *шинохтани* Падар аст ва дидани Худованд Исо – дидани Худост. Ин оят таълим намедиҳад, ки Худо ва Худованд Исо ҳамон як Шахсият аст. Дар Ваҳдати Сегона се Шахсияти гуногун ҳаст, аммо фақат як Худо ҳаст.

**14,8** *Филиппус* мехост, ки *Худованд* бо як тариқе *Падарро* нишон диҳад, ва ин барояш кофӣ хоҳад буд. Вай намефаҳмид, ки суханҳову корҳои Худованд ва Кӣ будани Ӯ, ҳамин ошкоркунии Падар буд.

**14,9** *Исо* босаброна вайро ислоҳ кард. Филиппус муддати дароз ҳамроҳи Худованд буд. Вай яке аз аввалин шогирдони даъватшуда буд (Юҳ. 1,43). Ба ҳар ҳол ба вай ҳанӯз ҳақиқати пурра оид ба илоҳияти Масеҳ ошкор нашуда буд. Вай намедонист, ки Исоро дида, Касеро мебинад, ки ба таври комил *Падарро* зоҳир мекард.

**14,10-11** Суханони *«Ман дар Падар ҳастам, ва Падар дар Ман»* наздикии ягонагии *Падар* ва Писарро тасвир мекунанд. Онҳо Шахсиятҳои алоҳида мебошанд, аммо бо вуҷуди ин Онҳо дар он чи ба сифат ва ирода дахл дорад, як ҳастанд. Агар мо инро фаҳмида натавонем, маъюс шудан лозим нест. Ҳеҷ як ақли фонӣ ҳеҷ гоҳ Ваҳдати Сегонаи Худоро пурра фаҳмида наметавонад. Мо бояд дониши онро ки ҳеҷ гоҳ дониста наметавонем, ба Худо супорем. Агар мо Ӯро пурра фаҳмида метавонистем, ба монанди Ӯ бузург мебудем! Исо қудрат дошт суханон гӯяд ва муъҷизаҳо ба амал оварад, аммо Ӯ ба ҷаҳон чун Хизматгори Яҳува омад ва дар итоати комил ба Падар сухан мегуфт ва амал мекард.

Шогирдон бояд аз рӯи шаҳодати Худи Ӯ *бовар кунанд,* ки Ӯ бо Падар як аст. Агар бовар накунанд, бояд ақаллан аз рӯи он *корҳое* ки Ӯ кард, *имон оваранд*.

**14,12** Худованд пешгӯӣ кард, ки имондорони Ӯ муъҷизаҳое монанди муъҷизаҳои Ӯ ва ҳатто *бузургтар* аз онро ба амал хоҳанд овард. Дар китоби Аъмол мо оид ба расулоне мехонем, ки ба монанди Наҷотдиҳанда қудрати шифо додан доштанд. Аммо мо ҳамчунин оид ба муъҷизаҳои бузургтар аз ин мехонем: имон овардани се ҳазор кас дар рӯзи Пантикост. Бешубҳа, муъҷизаи эълони умумиҷаҳонии Инҷил, наҷот ёфтани миқдори зиёди ҷонҳо ва барпо шудани Калисоҳо ҳамон буд, ки Худованд *«корҳои бузургтар аз он»* гуфта, оид ба он мегуфт. Наҷот додани ҷонҳо аз шифо додани ҷисм *бузургтар* аст. Ҳангоме ки Худованд ба осмон баргашт, Ӯ ҷалол ёфт ва Рӯҳулқудс ба замин фиристода шуд. Ба шарофати қуввати Рӯҳ расулон ин муъҷизаҳои бузургтарро ба амал оварда тавонистанд.

**14,13** Барои шогирдон хеле тасаллибахш буд фаҳмидани он ки агар Худованд онҳоро тарк кунад ҳам, онҳо ба номи Падар дуо карда, ба дархостҳои худ ҷавоб пайдо карда метавонанд. Ин оят дар назар надорад, ки имондор аз Худо ҳама чизи мехостаашро гирифта метавонад. Калиди фаҳмиши ин ваъда дар калимаҳои *«ба номи Ман»* аст: *ҳар чиро, ки ба номи Ман хоҳиш кунед*. Ба номи Исо дархост намудан на танҳо зикри номи Ӯ дар охири дуост. Ин талабидан мувофиқи ирода ва нияти Худост. Ин яъне дархост кардан оид ба он чизест, ки Худоро ҷалол медиҳад, ба

инсоният баракат медиҳад ва ба ҷони мо фоида меорад.

Барои ба номи Исо дархост намудан мо бояд дар мушоракати наздик бо Ӯ зиндагӣ кунем. Вагарна мо муносибати Ӯро ба дархостамон нахоҳем донист. Ҳар қадар мо ба Ӯ наздик бошем, миқдори бештари дархостҳои мо ба иродаи Ӯ мувофиқат хоҳанд кард. *Падар дар Писар ҷалол меёбад,* зеро Писар фақат он чиро мехоҳад, ки мувофиқи хости Худост. Агар ин гуна дуоҳо гуфта шаванд ва қабул гарданд, пас онҳо ба Худо шараф ва ҷалоли бузург меоранд.

**14,14** Ин ҷо ваъда барои таъкиди он такрор мешавад, ки ба фарзандони Худо чӣ андоза дилбардорӣ ва дастгирии қавӣ ато хоҳанд шуд. Чунон зиндагӣ кунед, ки дар марказ иродаи Ӯ бошад, дар мушоракат бо Худо бошед, он чиро *хоҳиш кунед,* ки Худо мехоҳад, ва ҳар он чи хоҳиш кунед, мегиред.

## К. Ваъда оид ба фиристодани Пуштибони дигар (14,15-26)

**14,15** Худованд Исо шогирдони Худро тарк карданӣ буд ва медонист, ки онҳо пур аз андӯҳ хоҳанд буд. Онҳо муҳаббати худро ба Ӯ чӣ тавр баён карда метавонанд? Фақат ба воситаи риояи фармонҳои Ӯ. На бо ашкҳо, балки бо итоаткорӣ. *Фармудаҳои* Худованд нишондодҳое ҳастанд, ки Ӯ дар Инҷил ва дар қисмҳои дигари Аҳди Нав ба мо додааст.

**14,16** Калимае ки чун *«илтимос кардан»* тарҷума шудааст, ва Худованд онро ин ҷо ба кор мебарад, на ҳамон калимаест, ки дуои шахси поёниро ба болоӣ тасвир мекунад; он маҳз оид ба муроҷиат ба шахси баробар мегӯяд. Худованд аз Падар *илтимос мекунад*, ки *Пуштибони дигаре* фиристад. Калимаи *«Пуштибон»* (параклет) касеро ифода мекунад, ки назди касе даъват шуда, бояд ёрӣ диҳад. Ин калима чун Шафоатгар низ (1Юҳ. 2,1) тарҷума мешавад. Худованд Исо Шафоатгар ва Пуштибони мост, Рӯҳулқудс бошад *Пуштибони дигар* аст, на ба маънои «аз аввалӣ фарқкунанда», балки боз яке бо ҳамон хосиятҳо. Рӯҳулқудс *ҳамеша* бо имондорон *мемонад.* Дар Аҳди Қадим Рӯҳулқудс аҳёнан бар одамон фуруд меомад ва аксаран баъд онҳоро тарк мекард. Акнун Ӯ меояд, то *ҳамеша* ин ҷо монад.

**14,17** Рӯҳулқудс *Рӯҳи ростӣ* номида мешавад, зеро таълимоти Ӯ ростист ва Ӯ Масеҳро, ки Ростист, ҷалол медиҳад. *Ҷаҳон наметавонад* Рӯҳулқудсро *қабул кунад,* зеро Ӯро намебинад. Беимонон мехоҳанд аввал бинанд, сипас бовар кунанд, агарчи ба мавҷудияти шамол ва қувваи барқ (электрик) бовар мекунанд, ҳол он ки онҳоро намебинанд. Наҷотнаёфтагон моҳияти Рӯҳулқудсро намедонанд ва намефаҳманд. Ӯ, эҳтимол, онҳоро дар гуноҳ сарзаниш мекунад, аммо онҳо намефаҳманд, ки ин Ӯст. Шогирдон Рӯҳулқудсро медонистанд. Онҳо медонистанд, ки Ӯ дар ҳаёти онҳо амал мекунад, ва ба воситаи Худованд Исо амал кардани Ӯро медиданд.

*«Зеро ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо мешавад».* То Рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс бар одамон фуруд меомад ва *бо* онҳо мемонд. Аммо баъди Рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс ҳамеша дар ҳаёти он шахсе мемонад, ки ба Худованд Исо имон дорад. Дуои Довуд: «Рӯҳулқудси Худро аз ман дур накун», имрӯзҳо рост намеояд. Рӯҳулқудс ҳеҷ гоҳ аз имондор дур намешавад, агарчи Ӯ метавонад андӯҳгин шавад, хомӯш карда шавад, ё манъ карда шавад.

**14,18** Худованд шогирдони Худро *ятим намегузорад* ва тарк намекунад. Ӯ боз назди онҳо *меояд.* Ба як маъное Ӯ баъди растохези Худ назди онҳо омад, аммо шубҳаовар аст, ки ин ҷо фақат ҳамин дар назар бошад. Ӯ ҳамчунин дар рӯзи Пантикост дар Шахсияти Рӯҳулқудс назди онҳо омад. Ин омадани рӯҳонӣ маънои ҳақиқии ин оят аст. «Дар Пантикост чизе ҳаст, ки аз омадани Исо шаҳодат медиҳад». Ба маънои сеюм: Ӯ дар охири ин замон боз назди онҳо меояд, ҳангоме ки интихобшудагони Худро ба хона ба осмон гирифта мебарад.

**14,19** Ҳеҷ кас аз беимонон Худованд Исоро баъди дафн надидааст. Баъди растохез Ӯ фақат бо онҳое вомехӯрд, ки Ӯро дӯст медоштанд. Аммо ҳатто баъди ба осмон рафтани Ӯ шогирдон ба воситаи имон дидани Ӯро давом медоданд. Ин, бешубҳа, дар калимаҳои зерин дар назар дошта шудааст: «... *лекин шумо Маро мебинед*». Баъд аз он ки ҷаҳон дигар наметавонист Исоро бинад, шогирдон дидани Ӯро давом медоданд. *«Ва азбаски Ман зиндаам, шумо низ хоҳед зист».* Ин ҷо Ӯ ҳаёти Худро баъди растохез дар назар дошт. Он гарави ҳаёт барои ҳамаи имондорони Ӯ хоҳад буд.

Ҳатто агар онҳо муранд, боз барои бефаноӣ зинда мешаванд.

**14,20** *«Дар он рӯз»,* аз афташ, боз ба омадани Рӯҳулқудс дахл дорад. Ӯ имондоронро ба он ҳақиқате ҳидоят хоҳад кард, ки байни Писар ва Падар робитаи ҳаётӣ ҳаст; иттиҳоди шигифтангези Масеҳ бо муқаддасони Ӯ низ ҳамин гуна хоҳад буд. Фаҳмондан душвор аст, ки чӣ гуна дар як вақт Масеҳ дар имондор ва имондор дар Масеҳ ҳаст. Инак мисоли одӣ бо оташкове ки дар оташ аст. На танҳо оташков дар оташ аст, балки ҳамчунин оташ дар оташков аст.[41] Аммо ин мисол ҳама чизро намефаҳмонад. Масеҳ ба он маъно дар имондор ҳаст, ки ҳаёти Ӯ ба вай алоқаманд мешавад. Ӯ амалан ба василаи Рӯҳулқудс дар имондор мебошад. Имондор ба он маъно дар Масеҳ мебошад, ки вай тамоми фазилатҳои Шахсият ва корҳои Масеҳро доро буда, пеши Худо меистад.

**14,21** Далели воқеии муҳаббат ба Худо – риояи *фармудаҳои* Ӯст. Агар мо ба Ӯ итоат кардан нахоҳем, оид ба муҳаббат ба Ӯ гуфтан бефоида аст. Гуфтан мумкин аст, ки Падар тамоми ҷаҳонро дӯст медорад. Аммо Ӯ махсусан онҳоеро дӯст медорад, ки Писари Ӯро дӯст медоранд. Масеҳ низ онҳоро дӯст медорад ва Худро ба онҳо ба таври махсус ошкор мекунад. Мо Наҷотдиҳандаро ҳар қадар бештар дӯст дорем, ҳамон қадар бештар Ӯро мешиносем.

**14,22** *Яҳудо,* ки ин ҷо зикр шудааст, мутаассифона, бо хиёнаткор номи якхела дошт. Аммо Рӯҳи Худо меҳрубонона байни ӯ ва *Исқарют* фарқ гузошт. Вай фаҳмида наметавонист, ки Худо чӣ гуна метавонад ба шогирдон зоҳир шавад, аммо *на ба ҷаҳон.* Бешубҳа, вай оид ба чун подшоҳи ғолиб ва ё қаҳрамони машҳур омадани Наҷотдиҳанда фикр мекард. Вай намефаҳмид, ки Худованд Худро ба таври рӯҳонӣ *зоҳир* хоҳад кард. Онҳо Ӯро бо имон ба воситаи Каломи Худо хоҳанд дид.

Имрӯзҳо, ба шарофати амали Рӯҳулқудс, мо ҳақиқатан Масеҳро аз он ки шогирдон ҳангоми дар замин зистанаш медонистанд, беҳтар шинохта метавонем. Ҳангоме ки Ӯ ин ҷо буд, шахсоне ки дар пеши мардум меистоданд, назар ба онҳое ки дар ақиб меистоданд, ба Ӯ наздиктар буданд. Аммо ҳозир ба воситаи имон ҳар яки мо метавонад аз мушоракати наздиктарин бо Ӯ ҳаловат барад. Ҷавоби Масеҳ ба саволи Яҳудо нишон медиҳад, ки ваъдаи ба имондорони алоҳида зоҳир шудани Ӯ бо Каломи Худо вобаста аст. Риояи Калом боиси омадан ва сокин шудани Падар ва Писар мегардад.

**14,23** Агар одам Худовандро ҳақиқатан *дӯст дорад,* вай на фармони алоҳидаро, балки тамоми таълимотро *риоя кардан* мехоҳад. Падар онҳоеро, ки ба Писари Ӯ бечуну чаро итоат кардан мехоҳанд, дӯст медорад. Ҳам Падар ва ҳам Писар ба ин гуна дилҳои дӯстдоранда ва итоаткор махсусан наздиканд.

**14,24** Аз тарафи дигар, *Касе ки* Ӯро *дӯст намедорад,* суханони Ӯро риоя намекунад. Аз суханони Масеҳ даст кашида, онҳо ҳамчунин аз Падар даст мекашанд.

**14,25** *Бо* шогирдон буда, Худованд ба онҳо ҳама чизро ёд дода наметавонист. Ӯ наметавонист ба онҳо ҳақиқатҳои бештарро ошкор кунад, зеро онҳо тайёр набуданд онҳоро фаҳманд.

**14,26** Аммо *Рӯҳулқудс* ба онҳо чизҳои бештареро ошкор хоҳад кард. Ӯ аз ҷониби *Падар* дар рӯзи Пантикост *ба номи* Масеҳ фиристода мешавад. Рӯҳ ба он маъно *ба номи* Масеҳ фуруд омад, ки Ӯ ваколатдор аст манфиатҳои Масеҳро дар замин намояндагӣ кунад. Ӯ на барои ҷалол додани Худ, балки барои ба назди Наҷотдиҳанда овардани мардон ва занон фуруд омад. *«Ҳама чизро ба шумо таълим медиҳад»,* – гуфт Худованд. Ӯ инро пеш аз ҳама ба воситаи хизмати шифоҳии расулон кард, сипас – ба воситаи Каломи навиштаи Худо, ки ҳозир мо бо худ дорем. Рӯҳулқудс *ҳар он чиро,* ки Наҷотдиҳанда таълим дода буд, *ба ёди шогирдон меоварад.* Дар асл, чунон ки мо гумон мекунем, Худованд Исо дар шакли ибтидоӣ тамоми таълимотро, ки дар қисми боқимондаи Аҳди Нав баён карда хоҳад шуд, пешкаш намуд.

## Қ. Исо осоиши Худро ба шогирдон боқӣ мегузорад (14,27-31)

**14,27** Одатан одам пеш аз марг васият навишта, дар он моликияти худро ба дӯстдоронаш боқӣ мегузорад. Ин ҷо Худованд Исо ҳамин корро кард. Аммо Ӯ на арзишҳои моддӣ, балки он чиро васият кард, ки дар ивази пул харидан мумкин нест: *осоиш, – осоиши* дохилии виҷдон, ки дар натиҷаи эҳсоси бахшидашавии гуноҳҳо ва оштӣ бо Худо пайдо мешавад. Масеҳ

осоишро дода метавонад, зеро онро бо Хуни Худ дар Ҷолҷолто ба даст овард. Ӯ ба мо *на он чунон* медиҳад, *ки ҷаҳон медиҳад,* – ба миқдори ночиз, бо сабабҳои ғаразнок ва ба муддати кӯтоҳ. Атои *осоиши* Ӯ барои ҳамеша аст. Пас чаро масеҳӣ *парешон ва ҳаросон* шавад?

**14,28** Исо аллакай ба онҳо гуфт, ки чӣ тавр Ӯ онҳоро тарк карданист ва чӣ тавр дертар бозгаштанист, то онҳоро ҳамроҳи Худ ба хона, ба осмон барад. *Агар* онҳо Ӯро *дӯст медоштанд, шод мешуданд.* Албатта, онҳо Ӯро ба таври худ дӯст медоштанд. Аммо онҳо ҳанӯз то охир баҳо надода буданд, ки Ӯ Кист, ва бинобар ин муҳаббати онҳо на он қадар калон буд, чунон ки бояд мебуд.

*Шод мешудед, ки гуфтам: «Назди Падар меравам», зеро Падар аз Ман бузургтар аст.* Дар назари аввал ин оят ба ҳамаи он чи Исо оид ба баробарии Худ бо Худо Падар гуфта буд, мухолиф аст. Аммо ин ҷо ҳеҷ ихтилофе нест, ва изҳороти баъдина ин суханонро мефаҳмонад. Ҳангоме ки Исо дар замин буд, Ӯро бад медиданд, таъқиб мекарданд, меронданд ва дастгир карданӣ мешуданд. Одамон Ӯро ҳақорат медоданд ва ҳатто ба Ӯ туф мекарданд. Ӯ ба таҳқири даҳшатовар аз тарафи офаридаҳои Худаш тоб овард.

Худо Падар ҳеҷ гоҳ ба чунин муносибати таҳқиромез аз ҷониби одамон рӯ ба рӯ нашуда буд. Ӯ дар осмон, дур аз бадии гуноҳкорон буд. Ба осмон баргашта, Худованд Исо дигар ҳеҷ гоҳ ба ин гуна таҳқир дучор намешавад, зеро он ҷо ин нест. Бинобар ин шогирдон бояд дар ҷавоби суханони Исо шод мешуданд, ки Ӯ *назди Падар меравад*, зеро ба ин маъно *Падар аз Ӯ бузургтар* аст. Падар на чун Худо бузургтар аст; Ӯ аз он ҷиҳат бузургтар аст, ки ҳеҷ гоҳ ба замин дар симои Одаме ки ба чунин рафтори бераҳмона дучор шуд, наомада буд. Дар он чи ба хусусиятҳои илоҳӣ дахл дорад, Писар ва Падар баробаранд. Аммо ҳангоме мо оид ба он нақши паст ва зиллатноке фикр мекунем, ки Исо чун Одам дар ин замин ба Худ гирифт, мефаҳмем, ки ба ин маъно Худо *Падар аз Ӯ бузургтар аст.* Ӯ аз ҷиҳати мавқеи Худ бузургтар аст, аммо на аз ҷиҳати сифатҳои шахсиятӣ.

**14,29** Оид ба шогирдони тарсида беғаразона ғамхорӣ намуда, Худованд нишон дод, ки чӣ бояд ба амалояд, то онҳо ба васваса наафтанд, рӯҳафтода нашаванд ва натарсанд, балки *имон оваранд.*

**14,30** Худованд медонист, ки замони таслим карда шудани Ӯ наздик шудааст, ва барои бо шогирдон *гуфтугӯ кардан* вақти зиёд намондааст. Аллакай ҳамон вақт иблис наздик омада буд, аммо Наҷотдиҳанда медонист, ки душман дар Ӯ қатрае гуноҳ ёфта наметавонад. Дар Масеҳ чизе набуд, ки ба васвасаҳои бадкирдоронаи иблис ҷавоб диҳад. Хандаовар мебуд, агар каси дигар, ғайр аз Исо, мегуфт, ки иблис дар вай *чизе* пайдо нахоҳад кард.

**14,31** Мо ин оятро ба тарзи зерин баён карда метавонистем: «Вақте наздик шуда истодааст, ки Маро таслим мекунанд. Аммо Ман ба салиб ихтиёрӣ меравам. Барои Ман ин хости Падар аст, ки ҷаҳон ба воситаи иҷрои он хоҳад донист, ки Ман *Падари* Худро чӣ тавр *дӯст медорам.* Маҳз аз ҳамин сабаб Ман бе ҳеҷ гуна муқобилат ба марг меравам». Инро гуфта, Худованд ба шогирдон пешниҳод кард, ки бархезанд ва ҳамроҳи Ӯ раванд. Аз ин матн маълум нест, ки онҳо аз болохона ба куҷо рафтанд. Шояд, онҳо дар роҳ сӯҳбатро давом доданд.

### Л. Исо, Токи ҳақиқӣ (15,1-11)

**15,1** Дар Аҳди Қадим халқи Исроил чун токи ангур тасвир карда мешавад, ки Яҳува шинондааст. Аммо халқ бевафо ва бесамар баромад, бинобар ин акнун Худованд Исо Худро чун *Токи ҳақиқӣ,* ки ҳамаи тимсолҳо ва тасвирҳоро ба таври комил иҷро мекунад, зоҳир намуд. Худо *Падар токдор аст.*

**15,2** Ақидаҳо оид ба маънои *навдаҳое, ки дар Ӯ мева намеоваранд,* гуногунанд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин эътирофкунандаи бардурӯғ аст. Вай худро масеҳӣ вонамуд мекунад, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ бо Масеҳ муттаҳид набуд. Дигарон фикр мекунанд, ки ин масеҳии ҳақиқист, ки аз боиси бесамар буданаш наҷотро гум кардааст. Ин яқинан ақидаи нодуруст аст, зеро ба бисёр изҳороти дигар оид ба наҷоти абадӣ доштани имондор ихтилоф дорад. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин масеҳии ҳақиқист, ки дертар аз ақидаҳои худ даст кашидааст. Ӯ аз Худованд дур шуда, ғуломи арзишҳои ин ҷаҳон мешавад. Вай самари Рӯҳро зоҳир карда наметавонад; муҳаббат, хурсандӣ, осоиш, пурсабрӣ, некӯӣ, раҳмдилӣ, имон, фурӯтанӣ, худдорӣ.

Бо навдаи беҳосил чӣ кор кардани Худованд ба тарҷумаи феъли юнонии «аиро» вобаста аст. Он метавонад маънои *«мебурад»*-ро дошта бошад, чунон ки умуман тарҷума шудааст. Ин ба ҷазои марги ҷисмонӣ мувофиқ мебуд (1Қур. 11,30). Аммо худи ҳамин калима метавонад маънои «мебардорад»-ро дошта бошад (чунон ки дар Юҳ. 1,29 ва 8,59). Он гоҳ ин калима хизмати мусбати дастгирии навдаи беҳосилро тасвир мекунад: онро мебардоранд, то ки бештар ҳаво ва рӯшноӣ гирифта тавонад, бо умеди он ки самар меорад.

*Навдае ... ки мева меоварад,* – масеҳиест, ки тадриҷан ба Худованд Исо монанд мешавад. Шоху баргҳои изофии ҳамин гуна навдаҳоро ҳам буридан ва пок кардан лозим аст. Чунон ки токро аз ҳашарот, пӯпанак ва замбӯруғҳо пок кардан лозим аст, масеҳиро низ аз чизи ҷаҳоние ки ба вай мечаспад, пок кардан даркор аст.

**15,3** Моддаи поккунанда – *каломи* Худост. Дар аввал шогирдон ба воситаи *калом* дар лаҳзаи имон овардан пок шуда буданд. Аммо ҳангоме ки Наҷотдиҳанда бо онҳо сӯҳбат мекард, сухани Ӯ ҳамчунин ба ҳаёти онҳо таъсири поккунанда мерасонд. Ҳамин тариқ, ин оят метавонад ҳам ба сафедшавӣ ва ҳам ба покшавӣ дахл дошта бошад.

**15,4** *«Мондан»* маънои дар ҷои будаатон истоданро дорад. Масеҳӣ дар Масеҳ мемонад; ин ҷои вай аст. Дар қадамгузории ҳаррӯза вай бояд бо Худованд мушоракати наздик дошта бошад. *Навда* дар ток мемонад, аз он ҳаёт ва ғизо мегирад. Пас, ҳангоме ки вақтро дар дуо мегузаронем, Сухани Ӯро мехонем ва риоя мекунем, бо халқи Ӯ мушоракат дорем ва доимо ягонагии худро бо Ӯ дарк мекунем, мо дар Масеҳ мемонем. Азбаски ҳамин тариқ мо бо Ӯ робитаи доимӣ дорем, мо дарк мекунем, ки Ӯ низ дар мо мемонад ва ба мо қувваи рӯҳонӣ мефиристад. *Навда* фақат ҳамон вақте *мева оварда* метавонад, ки *дар ток монад.* Ягона шарте ки ба масеҳӣ имкон медиҳад самарҳое монанди самарҳои Масеҳ оварад, – ҳар лаҳза дар мушоракат бо Масеҳ зистан аст.

**15,5** Худи Масеҳ *ток* аст; имондорон – *навдаҳои* ток. Ва худ аз худ маълум аст, ки на навда барои ток зиндагӣ мекунад, балки сели ҳаёт аз токи ангур ба воситаи навдаҳо ҷорӣ мешавад. Баъзан мо дархост мекунем: «Худовандо, ба ман ёрӣ деҳ, то барои Ту зиндагӣ кунам». Чунин хоҳиш кардан беҳтар мебуд: «Худованд Исо, ба воситаи ман зиндагӣ кун». *Бе* Масеҳ *ҳеҷ коре наметавонем кунем.* Навдаи ток як мақсади калон дорад – мева овардан. Аз он мебел сохтан, хона бино кардан имкон надорад. Аз он ҳатто ҳезуми хуб ба даст намеояд. Аммо он барои меваҳо хуб аст, то даме ки дар ток мемонад.

**15,6** Ояти 6 ақидаҳои гунонунро ба миён овардааст. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки одами тасвиршуда имондорест, ки ба гуноҳ афтода, дар натиҷа ҳалок шудааст. Ин гуна маънидод ба бисёр оятҳои Навиштаи Муқаддас ихтилоф дорад. Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки ҳеҷ як фарзанди ҳақиқии Худо ҳалок намешавад. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ин одам рӯякӣ эътирофи имон карда, ба масеҳият тақлид мекунад, аммо аз олами боло таваллуд нашудааст. Аксаран чун намунаи ин гуна одам Яҳудоро зикр мекунанд.

Мо чунин меҳисобем, ки ин одам имондори ҳақиқист, зеро тамоми порча оид ба масеҳиёни ҳақиқӣ мегӯяд. Ин ҷо мавзуъ на наҷот, балки дар ток мондан ва мева додан аст. Аз боиси беаҳамиятӣ ва ҳаёти бе дуо ин гуна имондор мушоракат бо Худовандро гум мекунад. Дар натиҷа вай гуноҳ мекунад, ва шаҳодати вай вайрон мешавад. Аз боиси дар Масеҳ монданро нахостан вай *чун навдае* партофта мешавад, – на аз тарафи Масеҳ, балки аз тарафи дигар одамон. Навдаҳоро ҷамъ карда, ба *оташ* мепартоянд, *ва онҳо месӯзанд.* Инро на Худо, балки одамон мекунанд. Инро чӣ тавр фаҳмем? Ин масеҳии аз имон баргаштаро одамон масхара мекунанд. Онҳо номи вайро дар лой зери по мекунанд. Онҳо шаҳодати масеҳиёнаи вайро ба оташ мепартоянд. Ин дар ҳаёти Довуд хуб намоён аст. Вай имондори ҳақиқӣ буд, аммо ба Парвардигор беитоатӣ карда, гуноҳи зино ва қатлро содир намуд. Дар ҳаққи вай душманони Парвардигор бадгӯӣ мекарданд. Ҳатто имрӯзҳо атеистҳо бар номи Довуд (ва Худои Довуд) механданд. Онҳо, чунон ки гуфта шудааст, вайро ба оташ мепартоянд.

**15,7** Дар Масеҳ *мондан* сирри ҳаёти дуогӯёнаи бомуваффақият аст. Ҳар қадар мо ба Худованд наздик шавем, ҳамон қадар бештар бо фикрҳои Ӯ андеша карданро меомӯзем. Ҳар қадар мо Ӯро ба воситаи Сухани Ӯ шиносем, хости Ӯро ҳамон қадар беҳтар мефаҳмем. Ҳар

қадар хоҳишҳои мо бо хости Ӯ мувофиқтар бошанд, ҳамон қадар бештар мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки Ӯ дуоҳои моро мешунавад.

**15,8** Фарзандони Худо ба Масеҳ монанд будани худро ба ҷаҳон зоҳир месозанд, ва *Падар* дар ин *ҷалол* меёбад. Одамон маҷбуранд иқрор шаванд, ки агар Ӯ чунин гуноҳкорони бадро ба муқаддасони Худо табдил дода метавониста бошад, аз афташ, Ӯ Худои бузург аст. Ба пешравие ки дар ин оят ҳаст, аҳамият диҳед: мева (о. 2), бештар мева (о. 2), *меваи фаровон* (о. 8).

*«Ва шогирдони Ман шавед»*. Ин чунин маъно дорад, ки ҳангоме мо дар Ӯ мемонем, мо *шогирдони* Ӯ буданро исбот мекунем. Агар мо ба Худовандамон монанд бошем, пас дигарон низ мебинанд, ки мо шогирдони ҳақиқӣ ҳастем.

**15,9** Муҳаббати Наҷотдиҳанда ба мо ҳамон таврест ки *Падар* Писарро дӯст доштааст. Ҳангоми хондани чунин суханон дилҳои мо пур гардида, дар парастиш хам мешаванд. Он муҳаббат аз ҷиҳати сифат ва дараҷа ҳамон аст. Ин муҳаббати калон, беинтиҳо, амиқ, болотар аз ҳар гуна фаҳмиш аст, ки одам онро ҳеҷ гоҳ пурра дарк карда наметавонад. Ин амиқиест, ки дар он ҳамаи фикрҳои мо ғарқ мешаванд. *«Дар муҳаббати Ман монед»,* – гуфт Худованд. Ин чунин маъно дорад, ки мо бояд муҳаббати Ӯро доимо аз нав фаҳмем ва дар ҳаёти худ аз он ҳаловат барем.

**15,10** Қисми аввали ояти 10 мефаҳмонад, ки чӣ гуна мо дар муҳаббати Ӯ монда метавонем: риоя намудани *фармудаҳои* Ӯ. «Ғайр аз боварӣ ва итоаткорӣ ҳеҷ воситаи дигари дар Исо хушбахт будан нест». Қисми дуюми оят ба мо Намунаи комилро пешкаш мекунад. Худованд Исо *фармудаи Падари* Худро *риоя* мекард. Дар ҳамаи корҳои Худ Ӯ ба иродаи Худо итоаткор буд. Ӯ доимо аз *муҳаббати* Падар шод буд. Ҳеҷ чиз наметавонист ҳисси ширини мушоракати дӯстдоронаро тира созад.

**15,11** Дар мушоракат бо Худо Падар Исо *шодии* амиқ эҳсос менамуд. Ӯ мехост, то шогирдони Ӯ ҳамон хурсандиеро дошта бошанд, ки баъди итоат ба Ӯ меоянд. Ӯ мехост, ки *шодии* Ӯ шодии онҳо бошад. Тасаввуроти одамӣ оид ба шодӣ аз он иборат аст, ки хушбахтии бештаринро дар ҳаёт бе Худо ба даст овардан мумкин аст. Худованд таълим медод, ки шодии ҳақиқӣ ҳамон вақт меояд, ки дар ҳаёти худ Худоро ҳар чи бештар қабул мекунем. *«Ва шодии шумо комил,* [ё пурра] *бошад»*. Шодии онҳо ба воситаи дар Масеҳ мондан ва риояи фармонҳои Ӯ пурра хоҳад буд. Бисёриҳо боби 15-уми Юҳанноро барои шубҳа кардан ба бехатарии имондор истифода бурдаанд. Онҳо бо истифодаи оятҳои пешина нишон доданӣ мешаванд, ки дар ниҳояти кор гӯсфанди Масеҳ ҳалок шуда метавонад. Аммо мақсади Худованд на он аст, ки «шумо метавонед пурра ба шубҳаҳо дода шавед», балки он аст, ки *шодии шумо комил бошад.*

### М. Фармони дӯст доштани якдигар (15,12-17)

**15,12** Ба қарибӣ Худованд аз назди шогирдонаш меравад. Онҳо дар ҷаҳони душманона мемонанд. Бо афзудани шиддатнокӣ хатари рақобат байни шогирдон пайдо мешавад. Бинобар он Худованд ин фармони доимиро боқӣ мегузорад: *«Якдигарро дӯст доред, чунон ки Ман шуморо дӯст доштаам»*.

**15,13** Онҳо бояд то ҳадде дӯст доранд, ки тайёр бошанд барои якдигар муранд. Одамоне ки чунин рафтор кардан мехоҳанд, байни худ душманӣ намекунанд. Намунаи бузургтарини фидокории одам – ҷони худро *барои дӯстони худ* супурдан аст. Шогирдони Масеҳ ба он даъват шудаанд, ки чунин фидокориро нишон диҳанд. Баъзеҳо ҳаёти худро ба маънои аслӣ фидо мекунанд; дигарон тамоми ҳаёти худро дар хизмати хастанашаванда ба фарзандони Худо мегузаронанд. Худованд Исо намунаи он мебошад. Ӯ ҳаёти Худро барои дӯстони Худ фидо кард. Албатта, ҳангоме ки Ӯ барои онҳо мемурд, онҳо душман буданд, аммо ҳангоме ки наҷот меёбанд, дӯстони Ӯ мешаванд. Бинобар ин гуфтан дуруст аст, ки Ӯ ҳам барои дӯстон ва ҳам барои душманон мурд.

**15,14** *Фармудаҳои* Ӯро ба ҷо оварда, мо нишон медиҳем, ки *дӯстони* Ӯ ҳастем. Мо бо ин восита дӯстони Ӯ намешавем, балки аниқтараш, ба ҷаҳон нишон медиҳем, ки дӯстони Ӯ ҳастем.

**15,15** Ин ҷо Худованд фарқи байни *бандагон* ва *дӯстонро* таъкид намуд. Аз *бандагон* фақат иҷрои кори фармударо интизоранд,

аммо дӯстон ҳамеша аз боварӣ бархурдоранд. Ба дӯст мо нақшаҳои ояндаи худро ошкор мекунем. Мо асрори махфитаринро ба вай мегӯем. Ба як маъное шогирдон ҳамеша бандагони Худованд хоҳанд монд, аммо дар айни ҳол онҳо аз бандагон бештар мебошанд, – онҳо дӯстон хоҳанд буд. Худованд аллакай ҳозир ба онҳо он чиро, ки *аз Падар шунида* буд, ошкор мекард. Ӯ ба онҳо оид ба рафтани Худ, фуруд омадани Рӯҳулқудс, омадани дуюми Худ ва дар назди Ӯ ҳама вақт масъулият доштани онҳо гуфт. Касе гуфтааст, ки чун навдаҳо, мо мегирем (о. 5), чун шогирдон, мо пайравӣ мекунем (о. 8) ва, чун дӯстон, мо мушоракат дорем (о. 15).

**15,16** Исо ба шогирдон ёдрас намуд, ки Ӯ Он Касест, ки онҳоро баргузидааст, то онҳо камтарин хоҳиши дилхунук ва рӯҳафтода шудан надошта бошанд. Ӯ онҳоро барои наҷоти ҷовидонӣ, шогирдӣ ва мева овардан баргузидааст. Ӯ шогирдонро ба меҳнате вогузоштааст, ки онҳо бояд ба ҷо оваранд. Мо бояд *равем ва мева оварем. Мева* метавонад маънои файзи ҳаёти масеҳиёнаро ифода кунад, масалан: муҳаббат, шодӣ, осоиштагӣ ва ғайра. Ё он маънои ҷонҳоеро дорад, ки назди Худованд Исои Масеҳ оварда шудаанд. Байни ин ду намуди мева алоқаи тарафайн вуҷуд дорад. Фақат дар ҳамон ҳолате ки мо намуди якуми меваро оварем, намуди дуюми онро низ оварда метавонем.

Ҷумлаи *«Меваи шумо монад»* ба фикре меоварад, ки мева гуфта наҷоти ҷонҳо дар назар дошта шудааст. Худованд шогирдонро интихоб намуд, то ки онҳо раванд ва *меваи* мемонда оваранд. Ӯ на ба эътирофи холии имон, балки ба ҳолатҳои наҷоти ҳақиқӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Л. С. Чафер ба он диққат медиҳад, ки дар ин боб оид ба дуои самаранок (о. 7), шодии осмонӣ (о. 11) ва меваи ҷовидонӣ (о. 16) гуфта мешавад. *«То ки ҳар чи ... хоҳиш кунед ...»* Сирри хизмати бомуваффақият дуо мебошад. Шогирдон барои ба пеш рафтан фиристода шудаанд, ва ба онҳо ваъда шудааст, ки *ҳар чи ба номи* Масеҳ хоҳиш *кунанд, Падар* ба онҳо медиҳад.

**15,17** Худованд шогирдонро оид ба душмании ҷаҳон огоҳ карданӣ буд. Ӯ аз хоҳиши *якдигарро дӯст доштан,* ҳамроҳ будан ва якҷоя бар зидди душман истодагарӣ кардан сар кард.

## Н. Исо нафрати ҷаҳонро пешгӯӣ мекунад (15,18–16,4)

**15,18-19** *Агар ҷаҳон аз* шогирдон *нафрат дошта бошад,* онҳо набояд ҳайрон ё дилхунук шаванд. (Калимаи *«агар»* ҳеҷ шубҳаеро дар воқеъ шудани ин ифода намекунад; ин ҳатман, бешубҳа хоҳад шуд.) Ҷаҳон аз Худованд *нафрат* дошт ва аз ҳамаи онҳоеро, ки ба Ӯ монанд ҳастанд, нафрат мекунад.

Одамони ҷаҳон онҳоеро дӯст медоранд, ки чун онҳо зиндагӣ мекунанд: ҳақоратҳои қабеҳ мекунанд, ҳавасҳои ҷисмро қонеъ мегардонанд, ё онҳоеро, ки рафтори комилан маданӣ доранд, аммо фақат барои худ зиндагӣ мекунанд. Масеҳиён бо ҳаёти поки худ ин гуна одамонро маҳкум мекунанд, *аз ин сабаб ҷаҳон аз* онҳо *нафрат дорад.*

**15,20** Шогирд набояд интизор бошад, ки ҷаҳон ба вай назар ба он ки бо *Хоҷаи худ* рафтор намуд, беҳтар муносибат хоҳад кард. Вайро ба монанди Масеҳ таъқиб мекунанд. Суханони вайро ҳамон тавре рад хоҳанд кард, ки суханони Наҷотдиҳандаро рад карданд.

**15,21** Ин бадбинӣ ва таъқиб *«барои номи Ман»* аст. Яъне барои он ки имондор бо Масеҳ муттаҳид аст, аз ҷониби Масеҳ аз ҷаҳон ҷудо карда шудааст, номи Масеҳро дорад ва ба Ӯ монанд мешавад, вай таъқиб карда мешавад. Ҷаҳон Худоро намедонад. *Онҳо* Он Касеро *намешиносанд,* ки Худовандро ба ҷаҳон *фиристодааст,* то Наҷотдиҳандаи онҳо шавад. Аммо нашинохтан ҳеҷ гоҳ сафед намекунад.

**15,22** Худованд ин ҷо таълим намедиҳад, ки агар Ӯ намеомад, одамон гуноҳкор намебуданд. Аз замони Одам ҳамаи инсонҳо гуноҳкоранд. Аммо гуноҳи онҳо чун ҳозира азим набуд. Ин одамон Худовандро дида буданд ва суханони аҷиби Ӯро шунида буданд. Онҳо дар Ӯ ҳеҷ нуқсоне наёфтанд. Аммо ба ҳар ҳол онҳо Ӯро рад карданд. Маҳз ҳамин чиз гуноҳи онҳоро чунин азим кард. Ҳама чиз дар муқоиса фаҳмида мешавад. Дар муқоиса бо гуноҳи даҳшатовари онҳо – рад кардани Худованди ҷалол – гуноҳҳои дигари онҳо ҳеҷ буданд. Акнун онҳо *барои гуноҳи худ* ҳеҷ гуна *узре надоранд.* Онҳо Нури ҷаҳонро рад карданд!

**15,23** Аз Масеҳ нафрат дошта, онҳо аз *Падари Ӯ низ* нафрат доштанд. Писар ва Падар як мебошанд. Онҳо гуфта наметавонистанд, ки Худоро дӯст медоранд, зеро агар

Худоро дӯст медоштанд, Он Касеро низ, ки Ӯ фиристод, дӯст медоштанд.

**15,24** Онҳо на фақат аз он сабаб масъуланд, ки таълимоти Масеҳро шунида буданд; онҳо муъҷизаҳои Ӯро низ дида буданд. Аз ҳамин сабаб онҳо маҳкумияти бештареро сазовор буданд. Онҳо *корҳоеро дида* буданд, *ки дигаре ҳаргиз накарда* буд. Дар рӯ ба рӯи ин шаҳодат даст кашидан аз Масеҳ нобахшиданӣ буд. Худованд ҳамаи гуноҳҳои дигарро бо ин гуноҳ муқоиса карда гуфт, ки гуноҳҳои пештара дар баробари гуноҳи ҳозира ҳеҷ мебошанд. Онҳо аз Писар *нафрат карданд,* яъне аз *Падар* низ нафрат карданд; бинобар ин барои онҳо ин айбномаи даҳшатовар садо дод.

**15,25** Худованд мефаҳмид, ки муносибати одамон ба Ӯ дар пайғамбарӣ аниқ пешгӯӣ шудааст. Дар Забур 68,5 пешгӯӣ шудааст, ки *аз* Масеҳ *бесабаб нафрат* хоҳанд кард. Акнун, ки ин иҷро шуд, Худованд зикр намуд, ки ҳатто Аҳди Қадим, ки ин одамон онро баланд қадр мекарданд, нафрати беасоси онҳоро ба Ӯ пешгӯӣ кардааст. Будани чунин пайғамбарӣ маънои онро надошт, ки ин одамон бояд аз Масеҳ нафрат мекарданд. Онҳо мувофиқи интихоби худ аз Ӯ нафрат мекарданд; аммо Худо пешакӣ медонист, ки ҳамин тавр мешавад, ва ба Довуд амр намуд, то оид ба ин дар Забур 68 нависад.

**15,26** Бо вуҷуди он ки одамон Масеҳро рад карданд, шаҳодат оид ба Ӯ қатъ намегардад. Онро *Пуштибон* – Рӯҳулқудс давом хоҳад дод. Ин ҷо Худованд гуфт, ки *аз ҷониби Падар* Рӯҳро *мефиристад.* Дар Юҳанно 14,16 Рӯҳро Падар мефиристад. Магар ин боз як далели баробарии Писар бо Падар нест? Ғайр аз Худо кӣ метавонист Он Касеро фиристад, ки Худ Худост? *Рӯҳи ростӣ, ки аз Падар мебарояд.* Ин чунин маъно дорад, ки Худо Ӯро доимо мефиристад, ва омадани Ӯ дар рӯзи Пантикост – фақат як намунаи махсуси ин аст. Рӯҳ оид ба Масеҳ шаҳодат медиҳад. Ин вазифаи бузурги Ӯст. Ӯ саъй намекунад, ки диққати одамонро ба Худ ҷалб намояд, агарчи Ӯ яке аз аъзоёни Ваҳдати Сегона аст. Аммо Ӯ диққати ҳам шахси гуноҳкор ва ҳам шахси муқаддасро ба Худованд ва ҷалоли Ӯ равона мекунад.

**15,27** Рӯҳ мустақиман ба воситаи шогирдон шаҳодат хоҳад дод. Онҳо *аз ибтидо* (ибтидои хизмати Ӯ) бо Худованд *буданд,* Ӯро медонистанд ва ба дигарон оид ба Шахсият ва корҳои Ӯ шаҳодат дода метавонистанд. Агар касе дар Худованд ақаллан нуқсони камтарине ёфта метавонист, пас ин онҳое мебуданд, ки беш аз ҳама ба Ӯ ҳамроҳӣ мекарданд. Аммо онҳо ягон бор дар Ӯ гуноҳе надида буданд. Онҳо оид ба он шаҳодат дода метавонистанд, ки Ӯ Писари бегуноҳи Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст.

**16,1** Шогирдон, аз афташ, умед доштанд, ки Масеҳ дар байни халқи Исроил Подшоҳии Худро барпо мекунад ва ҳукмронии Румро сарнагун мекунад. Худованд ба ҷои ин гуфт, ки бояд бимирад, зинда шавад ва ба осмон баргардад. Ҳангоме ки Рӯҳулқудс фуруд меояд, шогирдон чун шоҳидони Масеҳ равона мешаванд. Аз онҳо нафрат намуда, таъқибашон мекунанд. Худованд ҳамаи инро ба онҳо пешакӣ гуфт, то ки онҳо ноумед нагарданд, *ба васваса наафтанд* ва музтариб нашаванд.

**16,2-3** Барои бисёрии яҳудиён *аз куништ* ронда шудан бадтарин чизи имконпазир буд. Аммо бо вуҷуди ин яҳудиёнеро, ки шогирдони Исо мешаванд, ҳамин чиз интизор аст. Аз имони масеҳӣ ба дараҷае нафрат хоҳанд кард, ки бадномкунандагони он *гумон мекунанд,* гӯё кори писандидаи *Худоро* мекунанд. Инро он далеле тасдиқ мекунад, ки одам метавонад хеле самимӣ, хеле боэҳтимом бошад, аммо хеле ноҳақ бошад.

Ва дар асоси ҳамаи ин – эътироф накардани илоҳияти Масеҳ мебошад. Яҳудиён Ӯро қабул кардан нахостанд ва ҳамин тариқ қабул кардани *Падарро* низ рад мекарданд.

**16,4** Худованд шогирдонро боз пешакӣ огоҳ кард, ки ҳангоме ҳамаи ин мусибатҳо ба сарашон меоянд, ба даҳшат наафтанд. Онҳо бояд *ба ёд оваранд,* ки Худованд таъқиботро пешгӯӣ кард. Онҳо бояд донанд, ки ҳамаи ин як қисми нақшаи Ӯ барои ҳаёти онҳост. Пештар Худованд бисёр чизҳоро ба онҳо намегуфт, чунки дар байни онҳо буд. Ҳеҷ зарурат набуд, ки онҳоро безобита кунад ва ё ақлу ҳуши онҳоро аз он чи бояд таълим медод, ба тарафи дигар равона кунад. Аммо акнун, пеш аз тарк кардани шогирдон, Ӯ бояд хабар диҳад, ки онҳоро чӣ гуна роҳ дар пеш аст.

## О. Омадани Рӯҳи Ростӣ (16,5-15)

**16,5** Ояти 5, аз афташ, ноумедиро ифода мекунад, ки шогирдон ба он чи Худовандро дар

пеш интизор аст, на он қадар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Агарчи онҳо пурсиданд, ки Ӯ *куҷо меравад,* зоҳиран он қадар таваҷҷуҳ надоштанд.

**16,6** Онҳо бештар на дар фикри Ӯ, балки дар фикри ояндаи худашон буданд. Исоро салиб ва қабр дар интизор буд. Онҳоро – таъқибот дар хизмат ба Масеҳ дар пеш буд. *Дили онҳо* на барои Масеҳ, балки барои мусибатҳои худашон *пур аз ғам шуд.*

**16,7** *Лекин* онҳо бе ёрӣ ва пуштибонӣ нахоҳанд монд. Масеҳ Рӯҳулқудсро мефиристад, ки *Пуштибони* онҳо мешавад. Бо омадани *Пуштибон* аҳволи шогирдон *беҳтар* мешавад. Ӯ онҳоро дастгирӣ ва рӯҳбаланд мекунад, ба онҳо мардонагӣ мебахшад, онҳоро таълим медиҳад ва Масеҳро барои онҳо аз пештара воқеитар мекунад. То даме ки Масеҳ ба осмон баргашта ҷалол наёбад, *Пуштибон* намеояд. Албатта, Рӯҳулқудс то ин ҳам дар ҷаҳон буд, аммо акнун Ӯ бо мақсади дигар меояд – то ки ҷаҳонро фош кунад ва ба раҳошудагон хизмат намояд.

**16,8** Рӯҳулқудс *ҷаҳонро бар гуноҳ ва бар адолат ва бар доварӣ исбот мекунад.* Одатан чунин ҳисобида мешавад, ки Ӯ фаҳмиши ботинии ин чизҳоро дар дили гуноҳкори ҷудогона пайдо мекунад. Ин ҳақиқат аст, аммо ин таълимоти аниқи ин порча нест. Рӯҳулқудс *ҷаҳонро* бо далели мавҷудияти Худ дар замин ҳукм мекунад. Ӯ набояд дар ин ҷо бошад, зеро маҳз Худованд Исо бояд дар рӯи замин бошад ва бар тамоми замин подшоҳӣ кунад. Аммо ҷаҳон Ӯро рад кард, ва Ӯ ба осмон баргашт. Рӯҳулқудс дар рӯи замин ба ҷои Масеҳи радшуда мебошад, ва ин далели гуноҳи ҷаҳон аст.

**16,9** Рӯҳ ҷаҳонро дар *гуноҳи имон наовардан* ба Масеҳ айбдор мекунад. Худованд лоиқи имон овардан буд. Дар Ӯ чизе набуд, ки одамон аз боиси он ба Ӯ бовар карда натавонанд. Аммо онҳо рад карданд. Ва дар ҷаҳон ҳузур доштани Рӯҳулқудс далели ҷинояти онҳост.

**16,10** Наҷотдиҳанда мегуфт, ки Ӯ росткор аст, аммо одамон изҳор мекарданд, ки Ӯ дев дорад. Сухани охиринро Худо гуфт. Ӯ ҷавоб дод: «Писари Ман росткор аст, ва Ман Ӯро аз мурдагон зинда намуда ва ба осмон гирифта, инро исбот мекунам» Рӯҳулқудс шоҳиди он мебошад, ки Масеҳ ҳақ аст ва ҷаҳон ноҳақ.

**16,11** Ҳузури Рӯҳулқудс ҳамчунин ҷаҳонро аз *доварии* оянда огоҳ мекунад. Дар ин ҷо будани Ӯ маънои онро дорад, ки иблис аллакай дар салиб маҳкум карда шудааст ва ҳамаи онҳое ки Наҷотдиҳандаро инкор мекунанд, дар рӯзи вопасин, дар доварӣ, тақдири даҳшатовари вайро бо ҳам мебинанд.

**16,12** Худованд *боз бисёр чизҳо* дошт, то ба шогирдон гӯяд, аммо он вақт онҳо ҳама чизро аз худ карда наметавонистанд. Ин принсипи муҳими таълим аст. То даме ки ҳақиқатҳои пештар омӯхташуда аз худ карда нашаванд, ҳақиқатҳои навро таълим додан мумкин нест. Худованд ҳеҷ гоҳ ба шогирдонаш таълими аз ҳад зиёдро бор намекард. Ӯ мувофиқи принсипи зерин рафтор мекард: «Сатр аз пайи сатр, фармуда аз пайи фармуда».

**16,13** Кореро, ки Худованд сар кард, *Рӯҳи ростӣ* давом хоҳад дод. *Ӯ* онҳоро *ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ мекунад.* Тафсире ҳаст, ки *тамоми ростӣ* ба расулон дар давраи хизмати ҳаётии онҳо дода шуда буд. Онҳо, дар навбати худ, онро дар коғаз баён намуданд, ва имрӯз мо онро дар Аҳди Нав дорем. Он ба Аҳди Қадим ҳамроҳ карда шудааст, ва ҳамин тариқ, ваҳйи хаттии Худоро барои одам хотима медиҳад. Аммо он низ ҳақиқат аст, ки Рӯҳ фарзандони Худоро ба тамоми ростӣ ҳидоят мекунад. Ӯ инро ба воситаи Навиштаи Муқаддас мекунад. *Ӯ* танҳо он чизро *хоҳад гуфт,* ки ба Ӯ аз ҷониби Падар ва Писар дода шудааст. *«Аз рӯйдодҳои оянда ба шумо хабар медиҳад».* Ин шарт ҳақиқатан дар Аҳди Нав иҷро шудааст, хусусан дар китоби Ваҳй, ки он ҷо оянда ошкор гардидааст ва хабар дода шудааст.

**16,14** Мақсади асосии Ӯ *ҷалол додани* Масеҳ аст. Ин метавонад барои мо ҳамчун меъёри баҳодиҳии ҳама гуна таълимот ва мавъиза хизмат кунад. Агар дар натиҷаи хизмат Наҷотдиҳанда болобардор карда шавад, яъне ин кори Рӯҳулқудс аст. *«Аз он чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар медиҳад»* маънои онро дорад, ки Ӯ ҳақиқатҳои бузургеро оид ба Масеҳ мегирад. Ин ҳақиқатҳоро Ӯ ба имондорон ошкор мекунад. Ин мавзӯъ ҳеҷ гоҳ ба анҷом намерасад!

**16,15** *Ҳар он чи Падар дорад,* ба Писар тааллуқ дорад. Ин ҳамон покӣ ва камолот аст, ки Масеҳ оид ба онҳо дар ояти 14 гуфта буд. Рӯҳ ба расулон камолоти пурҷалол, хизмат,

қудрат, файз ва пуррагии Худованд Исоро ошкор кард.

## П. Андӯҳ ба шодӣ мубаддал мегардад (16,16-22)

**16,16** Ҳудудҳои замонии ояти 16 аниқ муқаррар нашудаанд. Он метавонад дар назар дошта бошад, ки дар давоми се рӯз Худованд аз онҳо дур буда, баъди зинда шуданаш боз назди онҳо пайдо хоҳад шуд. Он метавонад низ дар назар дошта бошад, ки Исо назди Падари Худ ба осмон бармегардад ва баъд *дере нагузашта* (дар давраи ҳозира) боз назди онҳо меояд (омадани дуюми Ӯ). Ё он метавонад дар назар дошта бошад, ки *дере нагузашта* онҳо Ӯро бо биниши табиӣ *намебинанд,* аммо баъди он ки дар рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс фуруд меояд, онҳо Ӯро бо имон эҳсос намуда, аз пештара ҳам равшану возеҳтар мебинанд.

**16,17** *Шогирдони Ӯ* саргаранг шуданд. Сабаб он буд, ки (дар ояти 10) Наҷотдиҳанда гуфт: «Ман назди Падари Худ меравам, ва дигар Маро намебинед». Акнун Ӯ гуфт: *«Дере нагузашта Маро намебинед, ва боз дере нагузашта Маро мебинед»*. Онҳо ин гуфтаҳоро бо ҳам мувофиқат кунонда наметавонистанд.

**16,18** Онҳо аз якдигар мепурсиданд, *ки «дере нагузашта»* чӣ маъно дорад. Ҳайратовар аст, ки ҳозир низ мо дар назди ҳамон мушкилӣ истодаем. Мо намедонем, ки оё ин ба се рӯзи пеш аз растохези Ӯ дахл дорад, ё ба чил рӯзи то Пантикост, ё ба бештар аз 1900 соли то омадани дуюми Ӯ!

**16,19-20** Чун Худо, Худованд Исо фикрҳои онҳоро хонда метавонист. Бо саволҳои Худ Ӯ нишон дод, ки ҳама чизро оид ба ҳайронии онҳо медонад.

Ӯ бевосита ба мушкилии онҳо ҷавоб надод, аммо оид ба *«дере нагузашта»* маълумоти бештар дод. *Ҷаҳон шод мешавад,* зеро ба он муваффақ мешавад, ки Худованд Исоро ба салиб кашад, шогирдон бошанд *гиря ва нола мекунанд.* Аммо ин дер давом намекунад.

*Ғами* онҳо *ба шодӣ табдил меёбад.* Ҳамин тавр ҳам шуд: аввал ба воситаи растохез, сипас ба воситаи фуруд омадани Рӯҳ. Ва ҳангоме ки Худованд Исо бозмегардад, барои ҳамаи шогирдони ҳамаи наслҳо ғам ба шодӣ табдил меёбад.

**16,21** Ҳеҷ чизе хубтар аз он нест, ки модар баъди зодани *кӯдак* ба зудӣ ғаму дардҳои худро фаромӯш мекунад. Бо шогирдон низ ҳамин тавр хоҳад буд. Ҳангоме ки онҳо Худовандро боз мебинанд, ғами ҷудоӣ зуд фаромӯш мешавад.

**16,22** Боз ҳам мо бояд эътироф кунем, ки бо ин суханони Худованд кадом замон ифода ёфтааст: «... *лекин шуморо боз мебинам»*. Оё ин суханон ба растохези Ӯ, ба фуруд омадани Рӯҳ дар рӯзи Пантикост ё ба омадани дуюми Ӯ дахл доранд? Дар ҳар се ҳолат натиҷа ҳамон аст: Онҳо шод мешаванд, ва ҳеҷ кас ин *шодиро* аз онҳо гирифта наметавонад.

## Р. Дуо ба Падар ба номи Исои Масеҳ (16,23-28)

**16,23** То ҳол шогирдон бо тамоми саволҳо ва дархостҳои худ ба Худованд муроҷиат мекарданд. Ва *дар он рӯз* (даврае ки Рӯҳ дар рӯзи Пантикост фуруд меояд) Ӯ дигар ҷисман бо онҳо намешавад, ва онҳо ба Ӯ саволҳо дода наметавонанд. Оё ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки ҳеҷ касе нахоҳад буд, то онҳо наздаш раванд? Не, *дар он рӯз* онҳо имтиёзи аз *Падар* дархост намуданро пайдо мекунанд. Ӯ ба онҳо ҳама чизеро, ки ба номи Исо дархост кунанд, медиҳад. Ӯ на аз боиси сазовор буданамон ҳама чизи дархост мекардаамонро медиҳад, балки барои он ки Худованд Исо сазовор аст.

**16,24** То ин дам шогирдон ҳеҷ гоҳ аз Худо Падар *ба номи* Худованд дархост накарда буданд. Акнун онҳо чунин *хоҳиш* мекунанд. Акнун онҳо дархост мекунанд ва мегиранд, то ки *шодии* онҳо *комил гардад.*

**16,25** Дар таълимоти Худованд маънои чизҳои бисёр на ҳамеша дар сатҳ намоён аст. Ӯ *масалҳо* ва забони маҷозро ба кор мебурд. Ҳатто дар ин боб мо на ҳамеша ба аниқии маъно бовари дошта метавонем. Бо омадани Рӯҳулқудс таълимот оид ба *Падар* фаҳмотар шуд. Дар китоби Аъмол ва номаҳо манзара аллакай на ба воситаи масалҳо, балки бо тасдиқоти кушоду равшан аён мешавад.

**16,26** *«Дар он рӯз»* боз давраи Рӯҳулқудсро дар назар дорад, ки ҳоло мо дар он зиндагӣ мекунем. Имтиёзи мо дар он аст, ки аз Падар ба *номи* Худованд Исо дархост кунем. *«Ва Ман ба шумо намегӯям, ки аз Падар*

*барои шумо илтимос мекунам»*, яъне аз Падар илтимос кардан лозим нест, то дуоҳои моро шунавад. Ба Худованд лозим намеояд, ки аз Ӯ дархост кунад. Аммо ба ҳар ҳол мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Худованд Исо байни Падар ва одам Миёнарав аст ва дар назди тахти Худо барои интихобшудагони Худ шафоат мекунад.

**16,27** *Падар* шогирдонро дӯст медошт, зеро онҳо Масеҳро қабул карданд, Ӯро *дӯст медоштанд* ва ба илоҳияти Ӯ *бовар карда* буданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Худовандро лозим набуд аз Падар илтимос кунад. Бо омадани Рӯҳулқудс онҳо аз ҳисси нави наздикӣ бо Падар ҳаловат хоҳанд бурд. Онҳо метавонанд бо боварӣ ба Ӯ наздик шаванд, зеро Писари Ӯро *дӯст доштаанд.*

**16,28** Ин ҷо Худованд иддаои баробарии Худро бо Худо Падар такрор кард. Ӯ чунин намегуфт: «Ман аз ҷониби Худо омадам», гӯё Ӯ фақат пайғамбарест, ки аз ҷониби Худо фиристода шудааст, балки *«Ман аз ҷониби Падар омадам»*. Ин чунин маъно дорад, ки Ӯ Писари абадии Падари абадист, ки бо Худо Падар баробар аст. Ӯ *ба ҷаҳон* чун Касе омад, ки то омаданаш дар ҷои дигар мезист. Баъди ба осмон рафтан Ӯ ҷаҳонро тарк кард ва *назди Падар* баргашт. Ин маълумоти кӯтоҳест оид ба тарҷумаи ҳоли Худованди ҷалол.

### С. Уқубатҳо ва осоиштагӣ (16,29-33)

**16,29-30** *Шогирдони* Исо гумон мекарданд, ки акнун, бори аввал, Ӯро фаҳмида метавонанд. Онҳо *гуфтанд,* ки Ӯ дигар забони маҷозро ба кор намебарад.

Онҳо фикр мекарданд, ки *акнун* сирри Шахсияти Ӯро фаҳмиданд. Акнун онҳо *бовар мекарданд, ки* Ӯ дониши комил дорад ва *аз ҷониби* Худо *омадааст.* Аммо Ӯ гуфт, ки аз ҷониби *Падар* омадааст. Оё онҳо маънои инро фаҳмиданд? Оё онҳо фаҳмиданд, ки Исо яке аз Шахсиятҳои Ваҳдати Сегона аст?

**16,31** *Исо* бо ин савол ба онҳо фаҳмонд, ки боварии онҳо ҳанӯз комил нест. Ӯ медонист, ки онҳо Ӯро дӯст медоранд ва ба Ӯ боварӣ доранд, аммо оё онҳо дар ҳақиқат медонанд, ки Ӯ Худои таҷассумёфта аст?

**16,32** Пас аз чанде Ӯро ҳабс мекунанд, ҳукм мекунанд ва ба салиб мекашанд. Ҳамаи шогирдон Ӯро тарк мекунанд ва ҳар яке ба тарафи худ паҳну парешон мешавад. Аммо Ӯ танҳо намемонад, зеро *Падар* бо Ӯ хоҳад буд. Маҳз ҳамин ягонагиро бо Худо Падар онҳо намефаҳмиданд. Ҳангоме ки ҳамаи онҳо шитобон ҷони худро халос мекунанд, маҳз он Ӯро дастгирӣ хоҳад кард.

**16,33** Мақсади ин сӯҳбат бо шогирдон он буд, *то ки осоиш дошта* бошанд. Ҳангоме ки аз онҳо нафрат мекунанд, таъқиб менамоянд, меронанд, бардурӯғ маҳкум мекунанд ва ҳатто азоб медиҳанд, онҳо дар Ӯ *осоиш* хоҳанд дошт. Ӯ дар салиби Ҷолҷолто *ҷаҳонро* мағлуб кард. Бо вуҷуди ҳамаи азобҳо онҳо метавонанд боварӣ дошта бошанд, ки ғалаба дар ҷониби онҳост.

Бо омадани Рӯҳулқудс онҳо ҳамчунин барои тоб овардан ба ҳама чиз, барои дар муқобили душман истодагарӣ кардан қувваи нав пайдо мекунанд.

### Т. Исо оид ба хизмати Худ дуо мекунад (17,1-5)

Акнун мо боберо дида мебароем, ки чун дуои Саркоҳинии Худованд Исо маълум аст. Дар ин дуо Ӯ барои мансубони Худ шафоат мекард. Ин намунаи хизмати ҳозираи Ӯ дар осмон аст, ки он ҷо Ӯ барои халқи Худ дуо мекунад. Маркӯс Рейнсфорд оид ба он хеле хуб гуфтааст:

*Тамоми дуо – тасвири шигифтангези шафоати Худованди муборакi мост, ки дар ямини Худои мо нишастааст. Ҳеҷ як сухане зидди халқи Худ; ҳеҷ зикре оид ба хатокориҳо ва ё норасоиҳои онҳо ... Не, Ӯ оид ба онҳо чун оид ба дар маркази диққати Падар истодагон мегӯяд, чун оид ба онҳое ки ҷисми ҷудоинопазири Худи Ӯ мебошанд, чун оид ба онҳое ки сазоворанд пурра он чизеро гиранд, ки Ӯ аз осмон фаромада ба онҳо бояд диҳад ... Ҳамаи шафоатҳои махсуси Худованд барои интихобшудагони Худ ба чизҳои рӯҳонӣ дахл доранд; ҳамаи онҳо ба баракатҳои осмонӣ дахл доранд. Худованд барои онҳо сарват, ё иззату эҳтиром, ё қудрати дунявӣ, ё болоравӣ дар мансаб дархост намекунад, балки хеле самимона аз Падар дархост мекунад, ки онҳоро аз бадӣ, аз чизи дунявӣ дур нигоҳ дорад, дар иҷрои вазифа ёрӣ диҳад ва бо муваффақият ба хона ба осмон*

*омадани онҳоро таъмин намояд. Муваффақияти рӯҳонӣ муваффақияти беҳтарин аст; он нишондиҳандаи некӯаҳволии ҳақиқист.*[42]

**17,1** *Соат расидааст.* Душманон ягон бор ҳам Ӯро дастгир карда натавонистанд, зеро соати Ӯ нарасида буд. Аммо акнун вақте фаро расид, ки Худованд бояд бимирад. *«Писари Худро ҷалол деҳ»,* – дуо мекард Наҷотдиҳанда. Ӯ марги Худро, ки мебоист ба наздикӣ воқеъ мешуд, дар назар дошт. Агар Ӯ дар қабр монад, ҷаҳон хоҳад донист, ки Ӯ фақат яке аз одамон буд. Аммо агар Худо Ӯро аз мурдагон зинда намуда, ҷалол диҳад, ин исботи он мешавад, ки Ӯ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст. Худо ба ин хоҳиш ҷавоб дода, Исои Масеҳро дар рӯзи сеюм зинда намуд ва баъд Ӯро ба осмон бозпас гирифта, тоҷи ҷалолу шарафро бар сари Ӯ гузошт.

*«Писарат низ Туро ҷалол диҳад»,* – давом дод Худованд. Маънои ин суханон дар ду ояти баъдина фаҳмонда мешавад. Исо ба имондорони Худ ҳаёти абадӣ ато намуда, Падарро ҷалол медиҳад. Худо ҷалол ёфтааст, ҳангоме мардону заноне ки бе Худо сарсону саргардон буданд, имон меоваранд ва ҳаёти Худованд Исоро дар ин ҷаҳон зоҳир месозанд.

**17,2** Дар натиҷаи кори бозхаридан дар салиб Худо ба Писари Худ *бар тамоми башар қудрат дод.* Ин қудрат ба Ӯ ҳақ медод, то ба касоне ки Падар *ба Ӯ бахшидааст, ҳаёти абадӣ диҳад.* Ин ҷо боз ба мо ёдрас карда мешавад, ки Худо пеш аз офариниши олам онҳоеро интихоб намуд, ки ба Масеҳ тааллуқ доранд. Бо вуҷуди ин дар ёд нигоҳ доред, ки Худо ба ҳар касе ки Масеҳро қабул мекунад, наҷотро пешниҳод мекунад. Касе нест, ки агар ба Наҷотдиҳанда боварӣ намояд, наҷот ёфта натавонад.

**17,3** Маънидоди одии роҳи ба даст овардани *ҳаёти абадӣ* ҳаст: *Худо ва Исои Масеҳро* шинохтан. *Ягона Худои ҳақиқиро* – бар хилофи бутҳо, ки худоёни ҳақиқӣ нестанд. Ин оят дар назар надорад, ки Исои Масеҳ Худои ҳақиқӣ нест. Ҳамроҳи Худо Падар чун ягона сарчашмаи ҳаёти абадӣ зикр шудани номи Ӯ маънои онро дорад, ки онҳо баробаранд. Ин ҷо Худованд Худро *Исои Масеҳ* меномад. Ин оят тӯҳматеро рад мекунад, ки гӯё Исо ҳеҷ гоҳ нагуфта бошад, ки Ӯ Масеҳ аст.

**17,4** Ҳангоме ки Худованд ин суханонро мегуфт, Ӯ чунон мегуфт, ки гӯё аллакай мурдааст, дафн шудааст ва аз мурдагон бархостааст. Ӯ бо ҳаёти бе гуноҳ, муъҷизаҳо, азобҳо, марг ва растохези Худ Падари Худро *ҷалол дод.* Ӯ *кореро,* ки Падар ба Ӯ *супурда буд, ба анҷом расонд.* Райл оид ба ин чунин мегӯяд:

*Дар салиб мехкӯб гардидан ба Падар ҷалол овард. Он ҳикмат, садоқат, қуддусият ва муҳаббати Ӯро ҷалол дод. Он ҳикмати Ӯро дар амалӣ кардани нақшае зоҳир намуд, ки ба шарофати он Ӯ тавонист одил монад ва дар айни замон гуноҳкоронро сафед кунад. Он зоҳир намуд, ки Ӯ дар иҷрои ваъдааш оид ба он ки насли зан сари морро хоҳад кӯфт, содиқ аст. Он қуддусияти Ӯро дар он нишон дод, ки талаботи шариат ба воситаи Ивазкунандаи бузурги мо иҷро шудаанд. Он ба одами гуноҳкор чунин Наҷотдиҳанда ва чунин Миёнарав, Раҳонанда ва Дӯстро ба монанди Писари абадии Худ фиристода, муҳаббати Ӯро зоҳир намуд.*

*Дар салиб мехкӯб шудан ба Писар низ ҷалол овард. Он ҳамдардӣ, пурсабрӣ ва тавоноии Ӯро ҷалол дод. Он ҳамдардии бузурги Ӯро нишон дод, зеро Ӯ дар замини мо азоб кашида, ба ҷои мо маргро қабул кард; гуноҳҳо ва лаънати моро қабул карда, бо нархи хуни Худ моро халосӣ дод. Он пурсабрии Ӯро зоҳир намуд, ҳангоме ки Ӯ бо марги барои аксари одамон ғайриодӣ мемурд ва ихтиёран дардҳову азобҳоеро аз сар мегузаронд, ки ҳеҷ кас тасаввур карда наметавонад, дар ҳоле ки як сухан гуфтанаш кифоя мебуд, то фариштагони Падар Ӯро озод намоянд. Он тавоноии бузурги Ӯро зоҳир намуд, зеро вазнинии гуноҳҳои тамоми ҷаҳонро ба Худ бор кард, иблисро мағлуб намуд ва тӯъмаи ӯро кашида гирифт.*[43]

**17,5** То ба ҷаҳон омаданаш Масеҳ бо Падар дар осмон мезист. Ҳангоме ки фариштагон Худовандро медиданд, онҳо тамоми зебоии илоҳии Ӯро медиданд. Барои онҳо Ӯ бешубҳа Худо буд. Аммо ҳангоме ки Ӯ дар байни одамон мегашт, ҷалоли илоҳӣ ниҳон буд. Агарчи Ӯ ҳанӯз ҳам Худо буд, ин барои аксари одамон яқин набуд. Онҳо ба Ӯ чун ба писари дуредгар нигоҳ мекарданд. Ин ҷо Наҷотдиҳанда хоҳиш мекунад, ки зуҳуроти намоёни ҷалоли Ӯ дар осмон барқарор карда шавад. Ин суханон: «... *эй Падар, Маро назди Худ ҷалол деҳ ба ҳамон ҷалоле ки пеш аз ҳастии ҷаҳон назди Ту доштам»* – чунин маъно доранд: «Маро дар ҳузури Худ дар осмон ҷалол деҳ. Имкон деҳ, то ҷалоли пештарае ки Ман то таҷассум шуданам бо Ту доштам, барқарор карда шавад». Ин

равшан исбот мекунад, ки Масеҳ пеш аз офарида шудани олам вуҷуд дошт.

### У. Исо оид ба шогирдони Худ дуо мекунад (17,6-19)

**17,6** Исо ба шогирдон *номи* Падарро *шиносонд*. «Исм» дар Навиштаи Муқаддас маънои Шахсият, хусусиятҳо ва хислати онро дорад. Масеҳ табиати ҳақиқии Падарро пурра ошкор намуд. Шогирдон *аз ҷаҳон* ба Писар *ато* шуда буданд. Онҳо аз аксарияти нобовари инсоният ҷудо буда, алоҳида нигоҳ дошта мешуданд, то ба Масеҳ тааллуқ дошта бошанд. «Онҳо аз ҷониби Падар пеш аз офариниши олам интихоб шуда буданд, ба Масеҳ чун атои Падар ва ба воситаи нархи хуни Ӯ аз они Ӯ шуданд» – навишта буд Ҷ. Г. Беллетт.

*«Ва онҳо каломи Туро нигоҳ доштаанд»,* – гуфт Худованд. Бо вуҷуди ҳамаи бемуваффақиятиҳо ва норасоиҳояшон, Ӯ ба онҳо шуҳрат дода, мегӯяд, ки онҳо ба Ӯ бовар доштанд ва таълимоти Ӯро риоят мекарданд. «Ҳеҷ як сухани баде оид ба мансубони Худ, – менависад Рейнсфорд, – ҳеҷ як ишорае ба он чи онҳо карданд ва ё карданӣ буданд: тарк кардани Ӯ».

**17,7-8** Наҷотдиҳанда Падари Худро ба таври комил ошкор намуд. Ӯ ба шогирдон фаҳмонд, ки на бо қудрати Худ, балки фақат мувофиқи хости Падар амал мекард. Ҳамин тариқ, *онҳо донистанд,* ки Падар Писарро *фиристодааст.*

Зиёда аз ин, Масеҳ ташаббускори вазифаи Худ набуд. Ӯ ба хости Падар итоат мекард. Ӯ Хизматгори комили Яҳува буд.

**17,9** Чун Саркоҳин, Ӯ барои шогирдон дуо мекард; Ӯ *барои* тамоми *ҷаҳон* дуо намекард. Ин маънои онро надорад, ки Исои Масеҳ ҳеҷ гоҳ барои ҷаҳон дуо намекард. Дар салиб Ӯ хоҳиш мекард: «Падар, онҳоро бахш; зеро намедонанд чӣ мекунанд».

Аммо ин ҷо Ӯ чун Касе дуо мекард, ки имондоронро дар назди тахти Худо муаррифӣ намуд. Ин ҷо дуои Ӯ фақат барои мансубонаш аст.

**17,10** Дар ин оят иттиҳоди комил байни Падар ва Писар нишон дода шудааст. Ҳеҷ як одами одӣ софдилона ин суханонро гуфта наметавонист. Шояд мо ба Худо гуфта метавонистем: *«Он чи аз они Ман аст, аз они Туст»,* аммо мо наметавонистем гӯем: *«Он чи аз они Туст, аз они Ман аст».* Писар бо Падар баробар аст, бинобар ин метавонист чунин гӯяд. Дар ин оятҳо (6-19) Исо рамаи бечора ва беҷуръати Худро муаррифӣ менамояд ва ба ҳар як баррача либосҳои ҳарранга пӯшонда, мегӯяд: *«Ва Ман дар онҳо ҷалол ёфтаам».*

**17,11** Худованд Исо интизори ба осмон баргаштани Худ буд. Ӯ чунон дуо мекард, гӯё аллакай ба он ҷо рафта бошад. Ба номи *«Падари Қуддус»* аҳамият диҳед. *«Қуддус»* оид ба он Касе мегӯяд, ки беандоза баланд аст. *«Падар»* оид ба он Касе мегӯяд, ки беандоза наздик аст.

Дуои Исо: *«... то як бошанд»* ба ягонагии масеҳиён дахл дорад. Азбаски Падар ва Писар дар монандии ахлоқӣ як ҳастанд, пас имондорон низ бояд муттаҳид бошанд, то ба Худованд Исо монанд бошанд.

**17,12** *Ҳангоме ки* Наҷотдиҳанда бо шогирдон буд, Ӯ онҳоро *ба номи* Падар *нигоҳ медошт,* яъне бо қувват ва қудрати Худ дар садоқат ба Ӯ нигоҳ медошт. «Ҳеҷ *яке аз онҳо ҳалок нашуд»,* – гуфт Исо, – «ғайр *аз писари ҳалокат»,* яъне Яҳудо. Аммо ин маънои онро надорад, ки Яҳудо яке аз онҳое буд, ки Падар ба Писар дод, ё ин ки вай ягон вақт имондори ҳақиқӣ буд. Ин ҷумла чунин маъно дорад: «Онҳоеро, ки ба Ман додӣ, Ман нигоҳ доштаам, ва ҳеҷ кадоми онҳо гум нашудааст, аммо писари ҳалокат гум шуд, то Навиштаи Муқаддас ба амал омада тавонад». Номи *«писари ҳалокат»* маънои онро дорад, ки Яҳудо ба ҳалокат, ё лаънати абадӣ маҳкум шуда буд. Яҳудоро маҷбур накардаанд, ки барои иҷро шудани пешгӯӣ Масеҳро таслим кунад, балки худи вай қарор дод Наҷотдиҳандаро таслим кунад, ва ҳамин тариқ *Китоб ба амал омад.*

**17,13** Худованд фаҳмонд, ки чаро Ӯ дар ҳузури шогирдон дуо кард. Ӯ гӯё ба онҳо мегуфт: «Ин онҳое мебошанд, ки Ман барояшон дар осмон дар назди Худо шафоат карданро ҳеҷ гоҳ бас намекунам. Аммо акнун Ман инро *дар ҷаҳон* мегӯям, ва шумо мешунавед, то беҳтар фаҳмед, ки чӣ гуна Ман барои шумо ва некӯаҳволии шумо дуо мекунам, то шумо ба *шодии* комили *Ман* шарик шуда тавонед».

**17,14** Худованд *каломи* Худоро ба шогирдон дод, ва онҳо онро гирифтанд. Дар натиҷа ҷаҳон ба онҳо пушташро гардонд ва *аз онҳо нафрат кард.* Онҳо бо Худованд Исо

умумиятҳои бисёр доштанд, бинобар ин *ҷаҳон* аз онҳо нафрат дошт. Онҳо ба системаи ҷаҳонӣ мувофиқат намекарданд.

**17,15** Худованд аз Падар *илтимос намекард,* ки имондоронро фавран ба хона ба осмон барад. Онҳо бояд ин ҷо бимонанд, дар файз рушд намоянд ва оид ба Масеҳ шаҳодат диҳанд. *Балки* Масеҳ илтимос мекард, ки Худо онҳоро *аз шарир* нигоҳ дорад. Нагирад, балки нигоҳ дорад.

**17,16** Масеҳиён *аз ҷаҳон нестанд,* чунон ки Масеҳ *аз ҷаҳон нест.* Мо бояд инро дар ёд дошта бошем, ҳангоме моро водор мекунанд, ки дар ягон хел вақтхушии дунявӣ иштирок кунем ё ба ягон хел иттиҳоди дунявие дохил шавем, ки дар он худи номи Исо мақбул набошад.

**17,17** *Муқаддас гардондан* – яъне ҷудо, алоҳида кардан аст. Каломи Худо ба имондорон таъсири поккунанда дорад. Онро хонда ва риоя намуда, онҳо ҷудо гардида, зарфҳое мешаванд, ки Хоҷа ба кор мебарад. Худованд Исо ин ҷо маҳз оид ба ҳамин дуо мекард. Ӯ мехост, ки одамон аз ҷаҳон ҷудо шуда, барои истифодаи илоҳӣ муносиб шаванд. *«Каломи Ту ростист»,* – гуфт Исо. Ӯ на он тавре гуфт, ки ин рӯзҳо бисёриён мегӯянд: «Дар Каломи Ту ростӣ ҳаст», балки *«Каломи Ту ростӣ* АСТ».

**17,18** Падар Худованд Исоро *ба ҷаҳон* фиристод, то ба одамон хислати Худоро зоҳир намояд. Дуо карда, Худованд мефаҳмид, ки пас аз чанде ба осмон бармегардад. Аммо наслҳои оянда низ ба шаҳодат оид ба Худо эҳтиёҷ хоҳанд дошт. Ин корро бояд имондорон бо қувваи Рӯҳулқудс ба ҷо оваранд. Албатта, масеҳиён ҳеҷ гоҳ Худоро чун Масеҳ ба таври комил муаррифӣ карда наметавонанд, зеро ҳеҷ гоҳ ба Худо баробар шуда наметавонанд. Аммо имондорон маҳз аз ҳамин сабаб дар ин ҷо ҳастанд, ки Худоро ба ҷаҳон муаррифӣ кунанд. Маҳз барои ҳамин ҳам Исо онҳоро *ба ҷаҳон фиристод.*

**17,19** Ҳатмӣ нест, ки тақдис кардан маънои пок намудани касеро дошта бошад. Исо аз ҷиҳати сифатҳои хоси Худ пок аст. Ин ҷо оид ба он гуфта шудааст, ки Худованд Худро барои коре ҷудо мекунад, ки Падар Ӯро барои он фиристодааст, яъне ба марги қурбонишавӣ. Он низ дар назар буда метавонад, ки Ӯ берун аз ҷаҳон ҷойро ишғол намуда ва ба ҷалол қабул шуда, Худро ҷудо намуд. «Тақдиси Ӯ намуна ва қуввват барои тақдиси мост», – мегӯяд Вайн. Мо бояд аз ҷаҳон ҷудо шавем ва ҳиссаи худро дар Ӯ пайдо кунем.

### Ӯ. Исо барои ҳамаи имондорон дуо мекунад (17,20-26)

**17,20** Ин ҷо Саркоҳин на фақат барои шогирдон дуо мекард. Ӯ барои наслҳои оянда дуо мекард. Амалан, ҳар имондоре ки ин оятро мехонад, чунин гуфта метавонад: «Зиёда аз 1900 сол пеш Исо барои ман дуо карда буд».

**17,21** Ӯ дар дуо оид ба ягонагӣ дар байни имондорон хоҳиш мекард, аммо ин дафъа он бо фикри наҷоти гуноҳкорон буд. Ягонагие ки Масеҳ оид ба он дуо мекард, иттиҳоди зоҳирии калисоҳоро дар назар надошт. Аниқтараш ин ягонагие буд, ки дар монандии ахлоқии умумӣ асос ёфтааст. Ӯ хоҳиш мекард, ки имондорон моҳияти Худо ва Масеҳро зоҳир намуда, *ҳама як бошанд.* Маҳз ҳамин чиз ҷаҳонро водор мекунад, то *бовар кунад,* ки Худо Ӯро *фиристодааст.* Ин ягонагӣ ҷаҳонро маҷбур мекунад, то гӯяд: «Чунон ки Падар дар Масеҳ аён буд, ҳамчунин ман дар масеҳиён Масеҳро мебинам».

**17,22** Дар ояти 11 Худованд оид ба ягонагӣ дар мушоракат дуо мегуфт. Дар ояти 21 – оид ба ягонагӣ дар эълони шаҳодат. Ин ҷо – оид ба ягонагӣ дар *ҷалол.* Ӯ он лаҳзаеро интизор буд, ки муқаддасон баданҳои ҷалолёфтаи худро мегиранд. *«Ҷалоле ки ба Ман додаӣ»,* ҷалоли растохез ва болошавӣ аст.

Мо ҳанӯз ин ҷалолро надорем. Он ба мо барои амалӣ намудани мақсадҳои Худо *дода* шудааст, аммо то даме ки Наҷотдиҳанда барои ба осмон бурдани мо наояд, мо онро намегирем. Ҳангоме ки Масеҳ барои дар замин барпо намудани Подшоҳии Худ бармегардад, он ба ҷаҳон зоҳир карда мешавад. Он гоҳ ҷаҳон ягонагии ҳаётии Падару Писар, ва Писару халқи Ӯро мефаҳмад ва (хеле дер) эътироф мекунад, ки Исо аз ҷониби Худо фиристода шудааст.

**17,23** *Ҷаҳон* на фақат мефаҳмад, ки Исо Худо Писар аст, балки низ мефаҳмад, ки Худо имондоронро ҳамон тавре дӯст медорад, ки Исоро дӯст медорад. Қариб ғайриимкон менамояд, ки мо чунин дӯстдошта ҳастем, аммо ҳамин тавр ҳаст!

**17,24** Писар мехоҳад, ки интихобшудагони Ӯ дар ҷалол бо Ӯ бошанд. Ҳар боре ки имондор мемирад, ин, ба як маъное, ҷавоб ёфтани дуои Масеҳ аст. Агар мо инро фаҳмем, дар андӯҳи худ тасалло меёбем. Мурдан – яъне рафтан барои бо Масеҳ будан ва *ҷалоли* Ӯро *дидан* аст. Ин *ҷалол* на танҳо ҷалоли Худост, ки Ӯ дар назди Худо пеш аз офариниши дунё дошт. Ин ҳамчунин ҷалолест, ки Ӯ чун Наҷотдиҳанда ва Халоскор ба даст овардааст. Ин *ҷалол* далели он аст, ки Худо Масеҳро *пеш аз бунёдшавии ҷаҳон дӯст медошт.*

**17,25** *Ҷаҳон* Худои дар Масеҳ зоҳиршударо дида натавонист. Аммо якчанд шогирдон дида тавонистанд ва чунин меҳисобиданд, *ки* Исоро Худо *фиристодааст.* Дар арафаи маслубшавии Ӯ дар тамоми ҷаҳон фақат якчанд дилҳои ба Ӯ содиқ монданд – ва ҳатто онҳо низ Ӯро тарк карданӣ буданд!

**17,26** Худованд Исо ҳангоми бо шогирдонаш буданаш *номи* Падари Худро ба онҳо *шиносонд.* Ин маънои онро дошт, ки Ӯ ба онҳо Падарро нишон дод. Суханон ва корҳои Ӯ суханон ва корҳои Падар буданд. Онҳо дар Масеҳ ифодаи комили Падарро медиданд. Исо *шиносонидани номи* Падарро ба воситаи хизмати Рӯҳулқудс давом медиҳад. Баъди рӯзи Пантикост Рӯҳ имондоронро оид ба Худо Падар таълим хоҳад дод. Ҳамчунин мо метавонем Кӣ будани Худоро ба воситаи Каломи Худо фаҳмем. Ҳангоме ки одамон Худо Падарро, ки ба воситаи Исои Масеҳ зоҳир шудааст, қабул мекунанд, онҳо ба таври махсус мавриди *муҳаббати* Падар қарор мегиранд. Худованд Исо дар ҳамаи имондорон сокин аст, пас, Падар метавонад дар онҳо Писари Худро бинад ва ба онҳо чун ба Писари ягонаи Худ муносибат кунад.

Реусс мегӯяд:

*Муҳаббати Худо, ки то таъсиси ҷаҳони табиӣ комилан ба Шахсияти Писар равона шуда буд (ояти 24), баъди офаридани ҷаҳони дигари рӯҳонӣ онҳоеро, ки бо Писар як ҳастанд, фаро мегирад.*

Годет илова мекунад:

*Писари Худро ба замин фиристода, Худо маҳз мехост аз инсоният барои Худ оилаи фарзандони ба Худаш монандро ташкил диҳад.*[44]

Маҳз аз сабаби он ки Худованд Исо дар имондор мебошад, Худо вайро чунон дӯст медорад, ки Масеҳро дӯст медорад.

*Ман барои Худо ба андозае азиз ҳастам,*
*Ки азизтар буда наметавонам;*
*Ӯ Маро бо он муҳаббате дӯст медорад,*
*Ки Писарашро дӯст медорад.*

Кейтсбӣ Рейчет

Шафоатҳои Масеҳ барои одамони Худ, чунон ки Рейнсфорд мегӯяд, «... *ба чизҳои рӯҳонӣ, ба баракатҳои осмонӣ дахл доранд. Ӯ на оид ба сарват, иззату эҳтиром, ё қудрати дунявӣ, балки оид ба халосӣ аз бадӣ, ҷудоӣ аз ҷаҳон, оид ба хизмати содиқона ва бехатар ба осмон омадан дархост мекунад*».[45]

## VIII. АЗОБҲО ВА МАРГИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 18 ва 19)

### A. Яҳудо Худовандро таслим мекунад (18,1-11)

**18,1** Суханроние ки дар бобҳои 13-17 навишта шудааст, дар Уршалим воқеъ шуда буд. Акнун *Исо* шаҳрро тарк карда, ба тарафи шарқ, ба сӯи кӯҳи Зайтун равона шуд. Ӯ аз *дараи Қидрӯн* гузашта ба боғи Ҷатсамонӣ, ки дар доманаи ғарбии кӯҳи Зайтун ҷойгир буд, дохил шуд.

**18,2-3** *Яҳудо* медонист, ки Худованд дар ин боғ вақти зиёдеро дар дуо мегузаронд. Вай *медонист,* ки *ҷои* бештар имконпазири пайдо намудани Ӯ ҷоест, ки Ӯ дуо мекунад. *Дастаи сарбозон,* эҳтимол, аз аскарони румӣ иборат буд, дар ҳоле ки *нигаҳбонон аз саркоҳинон ва фарисиён* мансабдорони яҳудӣ буданд. Онҳо бо *чароғҳо ва машъалҳо ва аслиҳа* омаданд. Онҳо омаданд, то Нури ҷаҳонро бо чароғ ҷустуҷӯ кунанд!

**18,4** Худованд мунтазир нашуд, ки онҳо Ӯро пайдо кунанд, ва ба пешвози онҳо *берун омад.* Ин далели он буд, ки Ӯ тайёр буд ба салиб барояд. Сарбозон аслиҳаи худро дар хона монда метавонистанд: Наҷотдиҳанда муқобилат намекард. Савол: «*Киро ҷустуҷӯ мекунед?*» – барои аз даҳони худи онҳо фаҳмидани мақсади вазифаашон дода шуда буд.

**18,5** Онҳо *Исои Носириро* меҷустанд, ва тасаввуроте надоштанд, ки Ӯ Офаридгор ва Ҳаётдиҳандаи онҳо, Дӯсти беҳтарин аст. Исо гуфт: «*Ман ҳастам*». Ӯ дар назар дошт, ки на танҳо Исои Носирӣ мебошад, балки Яҳува низ ҳаст. Чунон ки зикр шуда буд, «МАН ҲАСТАМ» – яке аз номҳои Яҳува дар Аҳди

Қадим аст. Оё ин *Яҳудоро,* ки ҳамроҳи дигарон дар миёни тӯда буд, водор намуд, то бори дигар андеша кунад?

**18,6** Дар лаҳзаи кӯтоҳ Худованд Исо Худро ба онҳо чун Худои тавоно зоҳир намуд. Ин ба онҳо чунон таъсир кард, ки *онҳо пас рафта, ба замин афтоданд.*

**18,7** Худованд *боз аз онҳо пурсид,* то бигӯянд *ки киро ҷустуҷӯ мекунанд.* Ва боз, бо вуҷуди аксуламале ки дар натиҷаи ду сухани гуфтаи Масеҳ воқеъ шуд, ҷавоб ҳамон буд.

**18,8-9** Исо бори дигар ҷавоб дод, ки Ӯ Ҳамон аст, ва Ӯ Яҳува мебошад: *«Ман ба шумо гуфтам, ки Ман ҳастам».* Онҳо Ӯро ҷустуҷӯ мекарданд, аз ҳамин сабаб *инҳоро монед раванд* гуфта, Ӯ аз онҳо хоҳиш кард, ки ба шогирдон даст нарасонанд. Хеле хуб аст дидани он ки Ӯ беғаразона ғамхорӣ мекунад, дар ҳоле ки ҳаёти Худи Ӯ дар хатар аст. Ҳамин тариқ, суханони Юҳанно 17,12 низ иҷро шуданд.

**18,10** *Шимъуни Петрус* қарор дод, ки вақти он расидааст, то қувваро ба кор бурда Худованди Худро наҷот диҳад. Розигии Худовандро нагирифта, вай ки шамшер дошт, *онро кашида, ба ғуломи саркоҳин зад.* Бешубҳа, вай ӯро куштанӣ буд, аммо Дасти Ноаён зарбаро чунон моил кард, ки он *гӯши рости вайро бурид.*

**18,11** *Исо Петрусро* барои саъйи беандешааш сарзаниш намуд. *Косаи* азоб ва маргро *Падар* ба Ӯ *додааст,* ва Ӯ *онро менӯшад.* Луқо, табиб, навишт, ки Худованд гӯши Малхусро ламс намуда шифо дод (Луқ. 22,51).

### Б. Исоро ҳабс карданд ва бастанд (18,12-14)

**18,12-13** Бори аввал одамони бадкор тавонистанд Исоро дастгир карда банданд.

*Ҳонон* пештар саркоҳин буд. Маълум нест, ки чаро Исоро аввал назди вай оварданд, на назди Қаёфо, домоди Ӯ, ки он вақт *саркоҳин буд.* Зикр кардан муҳим аст, ки Исо аввал назди доварии яҳудиён ҳозир шуд. Онҳо исбот карданӣ буданд, ки Ӯ дар куфргӯӣ ва бидъат гуноҳкор аст. Мо метавонистем инро доварӣ барои ақидаҳои динӣ номем. Сипас Ӯ аз ҷониби ҳукуматдорони румӣ истинтоқ карда шуд. Ин ҷо душманонаш кӯшиш карданд исбот намоянд, ки Ӯ душмани қайсар аст. Ин доварии шаҳрвандӣ буд. Яҳудиён тахти ҳукмронии Рум буданд, бинобар ин бояд ба доварии румиён муроҷиат мекарданд. Онҳо, масалан, ҳукми қатлро ба ҷо оварда наметавонистанд. Барои ин розигии Пилотус лозим буд.

**18,14** Юҳанно фаҳмонд, ки саркоҳин *ҳамон Қаёфо* буд, ки пешгӯӣ кард, *ки беҳтар аст як кас барои мардум мурад* (ниг. Юҳ. 11,50). Акнун вай дар амалӣ гардондани ин пешгӯӣ иштирок мекард. Ҷеймс Стюарт менависад:

*Ин шахсе буд, ки дар ҳифзи ҷони миллат буд. Ӯ чун тафсиркунандаи олӣ ва намояндаи Ҳаққи Таоло интихоб шуда буд. Ба ӯ имтиёзи комилан махсусе дода шуда буд, ки соле як бор ба Қудси қудсҳо дохил шавад. Аммо ӯ ҳамин шахсе буд, ки Писари Худоро маҳкум кард. Таърих шаҳодате даҳшатноктар аз ин боқӣ нагузоштааст, ки имкониятҳои беҳтарини динии ҷаҳон ва муҳити умедбахштарин ба кас кафолати наҷотро намедиҳанд ва ҷонашро нексиришт намегардонанд. «Он гоҳ ман боварӣ ҳосил кардам», – менависад Ҷон Бунян, китоби худро ба анҷом расонида, – ки роҳе ҳаст, ки ба дӯзах мебарад ... аз худи дарвозаи осмон.*[46]

### В. Петрус Худованди худро инкор мекунад (18,15-18)

**18,15** Бисёрии олимони илоҳиётшинос ақида доранд, ки *шогирди дигаре* ки ин ҷо зикр шудааст, Юҳанно буд, аммо вай аз сабаби хоксорӣ номи худро зикр накардааст, хусусан дар баробари инкоркунии шармандавори Петрус. Ба мо гуфта нашудааст, ки чӣ тавр Юҳанно ин гуна ба *саркоҳин шинос* буд, вале ин ба вай имкон дод, ки *ба даруни ҳавлии саркоҳин* дарояд.

**18,16-17** *Петрус* танҳо баъди он даромада тавонист, ки Юҳанно баромада аз канизаке ки дарбон буд, хоҳиш кард, то вайро роҳ диҳад. Ба ақиб нигариста, мо ба худ саволе медиҳем: Оё эътибори худро ин гуна истифода намудани Юҳанно дуруст буд? Он чиз муҳим аст, ки бори аввал Петрус на дар назди сарбози қавию бадҳайбат, балки дар назди *канизи дарбон* Худовандро инкор кард. Вай шогирди Исо буданашро инкор кард.

**18,18** Петрус бо душманони Худованд омехта шуд ва кӯшиш кард, ки вайро нашиносанд. Ба монанди бисёр шогирдони дигар вай дар назди *оташи* ҷаҳон *истода, гарм* мешуд.

### Г. Исо дар пеши саркоҳин (18,19-24)

**18,19** Аниқ нест, ки ин *саркоҳин* кӣ буд: Ҳонон ё Қаёфо. Агар ин Ҳонон бошад (ин бештар имконпазир аст), пас вай, эҳтимол, аз рӯи ҳурмат саркоҳин номида шудааст, зеро пештар ин вазифаро дошт. *Саркоҳин аз Исо дар бораи шогирдонаш ва таълимаш пурсид,* гӯё онҳо ба шариати Мусо ва ҳокимияти Рум таҳдид мекарданд. Аён аст, ки ин одамон бар зидди Худованд ҳеҷ айбдоркунии боэътибор надоштанд, бинобар ин онро бофтанӣ буданд.

**18,20** *Исо ба вай ҷавоб дод,* ки хизмати Ӯ ҳамеша *ошкоро* буд. Ӯ ҳеҷ чизро пинҳон намекард. Ӯ дар ҳузури *яҳудиён дар куништ ва дар ибодатгоҳ таълим* медод. Ва таълимоти Худро ҳеҷ гоҳ махфӣ намедошт.

**18,21** Ин майдонталабӣ буд: Исо пешниҳод кард, то ягон нафареро аз яҳудиёне ки суханони Ӯро мешуниданд, оваранд. Бигузор Ӯро дар ягон чиз айбдор кунанд. Агар Ӯ чизеро нодуруст гуфта бошад, бигузор шоҳидон инро гӯянд.

**18,22** Майдонталабӣ яҳудиёнро яқинан хашмгин кард. Имконияти айбдоркунӣ боқӣ намонд. Он гоҳ онҳо ба таҳқир намудан сар карданд. *Яке аз нигаҳбонон* ба рӯи *Исо* зад, гӯё Ӯ ба *саркоҳин* ба таври номуносиб ҷавоб дод.

**18,23** Бо боварии тамом ва мантиқи баҳснопазир Наҷотдиҳанда ноҳақ будани рафтори онҳоро нишон дод. Онҳо наметавонистанд Ӯро дар гуфтани сухани бад айбдор кунанд; пас онҳо Ӯро барои сухани ҳақ заданд.

**18,24** Оятҳои пешина истинтоқро дар назди Ҳонон тасвир мекарданд. Юҳанно довариро дар назди Қаёфо, ки байни оятҳои 18,24 ва 18,28 воқеъ шуд, тасвир намекунад.

### Ғ. Инкори дуюм ва сеюми Петрус (18,25-27)

**18,25** Нақл боз ба *Шимъуни Петрус* бармегардад. Дар соатҳои хунуки саҳарии барвақт вай назди оташ *худро гарм мекард.* Бешубҳа, либосҳо ва лаҳҷаи вай баёнгари он буданд, ки вай моҳигири ҷалилӣ мебошад. Касе ки дар наздаш истода буд, пурсид, ки оё вай шогирди Исо аст. Аммо вай боз Худовандро *инкор кард.*

**18,26** *Сипас* хеши *Малхус бо Петрус гап зад. Вай дида буд, ки* Петрус гӯши *хеши* вайро бурида буд: «Магар ман туро дар боғ бо *он Исо* надидам?»

**18,27** *Петрус* бори сеюм аз Худованд даст кашид. *Ва ҳамон дам* садои бонги *хурӯсро* шунид, ки суханони Худовандро ёдрас менамуданд: «Пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард». Аз Инҷилҳои дигар мо медонем, ки Петрус зор-зор гириста, рафт.

### Д. Исо дар назди Пилотус (18,28-40)

**18,28** Доварии динӣ ба анҷом расид, доварии шаҳрвандӣ сар мешуд. Ҳодисаҳо дар толори доварӣ ё қасри ҳокими румӣ воқеъ мешаванд. Яҳудиён намехостанд ба қасри бутпараст дароянд. Онҳо аз *нопок шудан* дар арафаи *Песаҳи яҳудиён* метарсиданд. Чунин ба назар мерасид, ки онҳо аз он ки қасди куштани Писари Худоро доранд, парвое намекарданд. Ба хонаи бутпараст даромадан барои онҳо фоҷиа метофт, аммо куштор чизи камаҳамият буд.

Августин зикр мекунад:

*Эй кӯрии гунаҳкорона! Ҳақиқатан, онҳо гумон мекарданд, ки аз даромадан ба манзили бегона нопок мешаванд ва аз ҷинояте ки бо дастони худ содир мекунанд, нопок намешаванд. Онҳо аз нопок шудан дар сарбозхонаи довари аҷнабӣ метарсиданд, аммо аз нопок шудан бо хуни бародари бегуноҳ наметарсиданд.*[47]

Ҳолл тафсир медиҳад:

*Вой бар шумо, коҳинон, китобдонон, сардорон, риёкорон! Чӣ хонае ба монанди дилҳои худи шумо нопок буда метавонад? На деворҳои Пилотус, балки дилҳои худи шумо нопок мебошанд. Шумо кушторро ба нақша гирифтаед ва дар назди нопокии манзили бутпараст таваққуф мекунед? Худо шуморо сарнагун хоҳад кард, шумо, эй деворҳои сафедшуда! Шумо мехоҳед бо хун доғдор шавед – бо Хуни Худо, ва хавфи аз фарши Пилотус нопок шуданро доред? Чунин пашшаи хурде дар гулӯятон дармондааст, дар ҳоле ки чунин шутури бадкирдории даҳшатоварро фурӯ мебаред? Аз Уршалим дур шавед, эй имондорони бардурӯғ, зеро шумо нопок шудаед! Пилотус сабаби зиёдтаре дорад, то тарсад, ки деворҳои вай аз ҳузури чунин махлуққои беадолатӣ нопок мешаванд.*[48]

Пул қайд мекунад: «*Тамоман одӣ ва маъмулист, ки одамон дар иҷрои маросимҳо боэҳтимом буда, нисбати ахлоқ комилан бепарво*

*мебошанд».*[49] Ҷумлаи *«... то ки барраи песаҳро бихӯранд»,* аз афташ, идеро дар назар дорад, ки баъди Песаҳи яҳудиён меомад. Худи Песаҳи яҳудиён шаби гузашта воқеъ шуда буд.

**18,29** *Пилотус,* прокуратори румӣ, ба хурофоти динии яҳудиён гузашт карда, ба ҷое ки онҳо истода буданд, баромад. Вай довариро аз пурсидани он сар кард, ки онҳо нисбати маҳбус *чӣ даъвое* доранд.

**18,30** Ҷавоби онҳо густохона ва беадабона буд. Онҳо дар ҷавоб гуфтанд, ки аллакай вайро истинтоқ кардаанд ва гуноҳкор дарёфтаанд. Онҳо мехостанд, ки Пилотус фақат ҳукмро эълон намояд.

**18,31** *Пилотус* саъй кард аз масъулият канорагирӣ кунад ва ба яҳудиён пешниҳод кард, ки худашон қарор қабул кунанд. Агар онҳо аллакай Исоро истинтоқ карда, гуноҳкор дарёфта бошанд, пас чаро вайро *мувофиқи шариати* худашон маҳкум накунанд? Ҷавоби яҳудиён хеле муҳим буд. Онҳо бо суханони зиёд ҷавоб доданд: «Мо халқи мутеъ ҳастем. Мо ба ҳокимияти Рум итоат мекунем. Мо аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрумем ва дигар ба мо раво нест, ки *касеро кушем»*. Ҷавоби онҳо далели тобеият ва итоати онҳо ба ҳокимияти бутпарастона буд. Ба ғайр аз ин, онҳо масъулиятро барои марги Масеҳ ба гардани Пилотус бор карданӣ буданд.

**18,32** Ояти 32 ду маънои гуногун дошта метавонад: 1) Дар Матто 20,19 Исо пешгӯӣ кард, ки Ӯ ба назди бутпарастон оварда мешавад, то онҳо Ӯро ба марг маҳкум кунанд; яҳудиён бо Ӯ айнан ҳамин тавр карданд. 2) Дар бисёр ҷойҳо (Юҳ. 3,14; 8,28; 12,32. 34) Худованд мегуфт, ки «боло бардошта» мешавад, ва маргро ба воситаи салиб дар назар дошт. Барои ба ҷо овардани ҳукми қатл яҳудиён сангсор карданро ба кор мебурданд, дар ҳоле ки ба салиб кашидан одати румиён буд. Ҳамин тариқ, ба ҷо овардани ҳукми қатлро рад карда, яҳудиён худашон надониста ин ду пайғамбариро оид ба Масеҳ иҷро карданд (ниг. ҳамчунин Заб. 21,17).

**18,33** Акнун *Пилотус* Исоро барои гуфтугӯи хусусӣ *ба сарбозхона* даъват кард ва рӯйрост аз Ӯ пурсид: *«Оё Ту Подшоҳи яҳудиён ҳастӣ?»*

**18,34** *Исо ба вай* амалан *ҷавоб дод:* «Оё ту, чун прокуратор, боре шунидаӣ, ки Ман ҳокимияти Румро сарнагун карданӣ бошам? Оё ба ту ягон бор хабар додаанд, ки Ман Худро Подшоҳе эълон намуда бошам, ки империяи қайсарро аз байн мебарад? Ту маро дар асоси фактҳои ба ту маълум айбдор мекунӣ ё дар асоси он чи яҳудиён мегӯянд?»

**18,35** Дар саволи Пилотус нафрати рӯйрост аён буд: *«Магар ман яҳудӣ ҳастам?»* Вай дар назар дошт, ки аз боиси масъалаи маҳаллии яҳудӣ ғам хӯрдан шоистаи мартабаи баланди вай нест. Аммо бо ҷавоби худ вай ҳамчунин эътироф мекард, ки бар зидди Исо ягон айбдоркунии воқеӣ надорад. Вай танҳо он чиро донист, ки роҳбарони яҳудӣ гуфтанд.

**18,36** Он гоҳ Худованд эътироф кард, ки Ӯ Подшоҳ аст. Аммо на он Подшоҳе ки яҳудиён мегуфтанд. Ва на оне ки ба Рум таҳдид мекард. *Подшоҳии* Масеҳ бо силоҳи одамӣ ба даст намеояд. Вагарна шогирдони Ӯ *меҷангиданд,* то ки яҳудиён Ӯро дастгир карда натавонанд. *Подшоҳии* Масеҳ *аз ин ҷо,* яъне аз ин ҷаҳон *нест.* Он аз ҷаҳон ваколат намегирад; мақсаду маромҳои Ӯ ҷисмонӣ нестанд.

**18,37** Ҳангоме ки *Пилотус* пурсид: «Пас Ту *Подшоҳ ҳастӣ?» – Исо ҷавоб дод: «Ту мегӯӣ, ки Ман Подшоҳ ҳастам».* Аммо Подшоҳии Ӯ на ба шамшерҳо ва сипарҳо, балки ба *ростӣ* таваҷҷуҳ дорад. Ӯ барои он *ба ҷаҳон* омада аст, *ки бар ростӣ шаҳодат* диҳад. *«Ростӣ»* ин ҷо маънои ҳақиқат оид ба Худо, Худи Масеҳ, Рӯҳулқудс, одам, гуноҳ, наҷот ва ҳамаи таълимотҳои асосии масеҳиятро дорад. *Ҳар кӣ аз ростист, овози* Исоро *мешунавад,* ва империяи Ӯ маҳз ҳамин тавр вусъат меёбад.

**18,38** Гуфтан душвор аст, ки *Пилотус ба Ӯ «Ростӣ чист?»* гуфта, чиро дар назар дошт. Дар ин савол чӣ садо медиҳад: шавқмандӣ, ҳайрат ё писханд? Ҳамаи он чи мо медонем, – он аст, ки дар назди вай Ростии таҷассумшуда меистод, аммо вай Онро эътироф накард. Пилотус боз назди яҳудиён баромад, то бигӯяд, ки дар Исо *ҳеҷ айбе* наёфтааст.

**18,39** Яҳудиён *одате* доштанд, ки дар иди Песаҳ озод кардани ягон маҳбуси яҳудии дар зиндони румиён бударо дархост намоянд. Пилотус ҳамин анъанаро дастак кард, то ки дар як вақт ҳам ба яҳудиён писанд ояд ва ҳам Исоро *озод* кунад.

**18,40** Нақша барбод рафт. Яҳудиён Исоро озод кардан нахостанд; онҳо *Бараббоbooро* хостанд. *Бараббо як роҳзан буд.* Дили

бадкирдори одамӣ ҷинояткорро аз Офаридгор афзалтар донист.

### Е. Ҳукми Пилотус: бегуноҳ аст, аммо маҳкум карда шуд (19,1-16)

**19,1** *Пилотус* хеле ноодилона рафтор намуда, фармуд, то Одами бегуноҳро тозиёна заненд. Шояд, вай умедвор буд, ки ин ҷазо яҳудиёнро қонеъ мегардонад ва онҳо марги Исоро талаб нахоҳанд кард. Тозиёна задан навъи ҷазои румӣ буд. Маҳбусро бо қамчин ё чӯб мезаданд. Ба қамчин порчаҳои филиз ё устухон часпонда мешуданд, ки дар бадан ҷароҳатҳои чуқур мегузоштанд.

**19,2-3** *Сарбозон* Исоро Подшоҳ номида, масхара мекарданд. Тоҷ барои Подшоҳ! Аммо ин *тоҷе аз хор* буд. Он дарди сахт меовард, зеро он ба пешонии Ӯ фароварда шуда буд. Хорҳо – рамзи лаънатест, ки гуноҳҳо ба инсоният овардаанд. Ин ҷо мо Худованд Исоро мебинем, ки лаънати гуноҳҳои моро ба дӯши Худ бардошт, то ки мо тоҷи ҷалол ба даст оварем. *Ҷомаи арғувон* низ барои ханда истифода гардид. Ранги *арғувонӣ* рамзи ҳокимияти подшоҳӣ буд. Ва боз он ба мо гуноҳҳоямонро ёдрас мекунад, ки бар Исо гузошта шуданд, то ки мо либосҳои адолати илоҳиро дар бар кунем.

Чӣ изтиробангез аст фикр кардан оид ба Писари Худо, ки офаридаи Худаш ба Ӯ даст боло кард! Лабҳое ки Худи Ӯ офаридааст, акнун Ӯро масхара мекунанд!

**19,4** *Боз Пилотус* назди издиҳом *баромада,* эълон кард, ки Исоро назди онҳо *мебарорад,* аммо дар Ӯ ҳеҷ гуноҳеро намебинад. Ҳамин тариқ, Пилотус худро бо суханони худ маҳкум кард. Вай дар Масеҳ гуноҳе наёфт, бо вуҷуди ин ба Ӯ имкони рафтан надод.

**19,5** *Исо, тоҷи аз хор бофтае бар сар ва ҷомаи арғувон дар бар, берун омад,* ва Пилотус Ӯро муаррифӣ кард: *«Инак он Одам!»* Аниқ кардан душвор аст, ки оё вай инро бо истеҳзо гуфт, ё бо ҳамдардӣ ё бе ягон ҳисси муайяне.

**19,6** *Саркоҳинон* пай бурданд, ки Пилотус дудила аст, ва хашмгинона фарёд заданд, ки Исо бояд ба салиб кашида шавад. Маҳз роҳбарони динӣ ташаббускорони марги Наҷотдиҳанда буданд. Ва бисёр вақт дар давоми садсолаҳои баъдина маҳз намояндагони расмии Калисо имондорони ҳақиқиро бо ҷидду ҷаҳди бештар таъқиб менамуданд. Чунин метобид, ки *Пилотус* аз онҳо ва кинаи беасоси онҳо ба Исо нафрат дошт. Вай дар ҷавоб гуфт: «Агар чунин меҳисобед, пас чаро шумо *Ӯро гирифта ба салиб намекашед?* Чунон ки ман мебинам, Ӯ бегуноҳ аст». Аммо Пилотус медонист, ки яҳудиён Ӯро ба марг маҳкум карда наметавонанд, зеро дар он замон фақат румиён ҳаққи ба амал овардани ҳукмро доштанд.

**19,7** Онҳо диданд, ки барои ҳукумати қайсар хатар доштани Исоро исбот карда наметавонанд, бинобар ин боз бар зидди Ӯ айбдоркунии диниро пешниҳод карданд. Онҳо гуфтанд, ки Масеҳ даъвои баробарӣ бо Худо дорад ва мегӯяд, ки Ӯ *Писари* Худост. Яҳудиён ақида доштанд, ки ин куфрест, ки сазовори марг аст.

**19,8-9** *Пилотус* имконияти Писари Худо будани Исоро тасаввур карда, ба ташвиш афтод. Ҳамаи ин бесарусомонӣ аллакай вайро ҳавотир карда буд, акнун бошад вай *беш аз ин тарсид.*

Пилотус боз ҳамроҳи Исо ба *сарбозхона,* ё толори доварӣ даромад ва пурсид, ки Ӯ аз куҷо омадааст. Дар ин ҳикоя Пилотус симои фоҷиавитарин аст. Вай иқрор шуд, ки Исо ҳеҷ кори баде накардааст, бо вуҷуди ин мардонагии ахлоқӣ надошт, то ба Ӯ рухсати рафтан диҳад, зеро аз яҳудиён метарсид. Чаро *Исо ба вай* ҳеҷ *ҷавобе* надод? Аз афташ, барои он ки медонист: Пилотус мувофиқи нуқтаи назари худ амал карданӣ нест, агарчи рӯшноӣ дорад. Пилотус дар ин рӯз имконияти наҷотро аз даст дод. Вай дигар рӯшноӣ нахоҳад дошт, зеро ба рӯшноие ки дар худ дошт, ҷавоб надод.

**19,10** *Пилотус* ба Худованд таҳдид карда, ба ҷавоб додан маҷбур карданӣ мешуд. Вай ба Исо ёдрас кард, ки чун вай прокуратори румист, *қудрат* ва ваколат дорад Ӯро *ба салиб кашад* ва ё *озод кунад.*

**19,11** Худдории Худованд Исо ҳайратовар аст. Ӯ назар ба Пилотус оромтар буд. Ӯ оромона ҷавоб дод, ки ҳар гуна *қудрате* ки Пилотус дорад, аз ҷониби Худо ба вай *дода* шудааст. Ҳамаи ҳокимиятҳо аз ҷониби Худо таъйин карда шудаанд, ва ҳар гуна ҳокимият, шаҳрвандӣ ё рӯҳонӣ, – аз Худост.

«Он касе ки Маро ба ту таслим кард» *метавонад ба инҳо дахл дошта бошад:* 1) ба Қаёфаи саркоҳин; 2) Яҳудои хоин ё 3) умуман

ба яҳудиён. Маънояш дар он аст, ки худи яҳудиён дониши кофӣ доштанд. Онҳо Навиштаи Муқаддас доштанд, ки омадани Масеҳро пешгӯӣ мекард. Ҳангоме ки Ӯ омад, онҳо мебоист Ӯро мешинохтанд. Аммо онҳо Ӯро рад карданд ва ҳатто қатл кардани Ӯро талаб мекарданд. Ин оят ба мо таълим медиҳад, ки дараҷаҳои гуногуни гуноҳ ҳастанд. Пилотус айбдор буд, аммо Қаёфо, Яҳудо ва ҳамаи яҳудиёни бадкирдор бештар айбдор буданд.

**19,12** *Пилотус* дар фикри *озод* кардани Исо буд, аммо яҳудиён далели охирин ва муътабартареро ба кор бурданд, ки худи Пилотусро маҳкум мекард: *«Агар* Ин Одамро *озод кунӣ, дӯсти қайсар нестӣ».* Гӯё онҳо оид ба қайсар ғамхорӣ мекарда бошанд! Онҳо аз вай нафрат доштанд. Онҳо вайро нест карда, аз зери асорати вай озод шуданӣ буданд. Аммо акнун онҳо вонамуд карданд, ки империяи қайсарро аз Исо, ки Худро Подшоҳ меномад, муҳофизат мекунанд. Онҳо барои ин риёкории даҳшатовар ҷазо хоҳанд дид, ҳангоме ки румиён дар соли 70-уми милодӣ ба Уршалим даромада, сокинонашро қатл мекунанд ва шаҳрро тамоман вайрон мекунанд.

**19,13** *Пилотус* наметавонист ба яҳудиён имкон диҳад, ки вайро дар бевафоӣ ба қайсар айбдор кунанд, бинобар ин ба таври сустирода бо ақидаи тӯдаи мардум розӣ шуд. Вай *Исоро ба* ҷои ҷамъиятӣ, ки *Сангфарш номида шуда,* он ҷо чунин корҳо ҳал карда мешуданд, *берун овард.*

**19,14** Иди Песаҳи яҳудиён шаби гузашта шуда гузашт. Тайёрӣ ба рӯзи Песаҳи яҳудиён маънои тайёрӣ ба идеро дорад, ки баъди иди якум меомад. «Дар соати шашум» – шояд, шаши пагоҳӣ аст, аммо оид ба ҳисоби вақт дар Инҷилҳо масъалаҳои ҳалнашуда ҳастанд. *«Инак, Подшоҳи шумо!»* Қариб яқин аст, ки Пилотус барои ошуфтан ва хашмгин кардани яҳудиён чунин гуфт. Вай, бешубҳа, онҳоро барои он айбдор мекард, ки ба дом афтодааст ва маҷбур аст Исоро маҳкум кунад.

**19,15** Яҳудиён талаб мекарданд, ки Исоро маслуб кунанд. Пилотус саволи нешдор дод: «Оё шумо дар назар доред, ки *подшоҳи шуморо маслуб кунам?».* Он гоҳ яҳудиён хеле паст афтода, гуфтанд: *«Ғайр аз қайсар подшоҳе надорем».* Миллати беимон! Худои худро рад кардан ба хотири подшоҳи бадкирдори бутпараст!

**19,16** Пилотус ба яҳудиён писанд омаданӣ шуда, Исоро ба сарбозон дод, то *ба салиб кашанд.* Вай ҷалоли одамиро аз ҷалоли Худо афзал донист.

## Ё. Дар салиб мехкӯб шудан (19,17-24)

**19,17** Калимае ки чун «салиб» тарҷума шудааст, ба ғӯлачӯб (сутун) ё, эҳтимол, ба ду ғӯлачӯби ба таври салиб ба ҳам часпондашуда дахл дорад. Дар ҳар сурат, андозаи он чунон буд, ки одам онро бардошта бурдан метавонист. Исо *салиби Худро* то як қисми роҳ бурд. Мувофиқи Инҷилҳои дигар, баъд онро Шимъуни Қуринӣ бардошта бурд. *«Ҷои косахонаи сар»,* шояд, бо ду сабаб ин номро гирифта бошад: 1) худи баландӣ ба косахонаи сар монанд буд, хусусан, агар дар канорҳои ин теппа ғорҳо кофта шуда бошанд. Ин ҷой дар Исроил ҳозир «Ҷолҷолтои Гордон» ном дорад; 2) дар ин ҷой гуноҳкоронро қатл мекарданд; шояд, дар ин ноҳия косахонаҳои сар ва устухонҳо меёфтанд, агарчи, дар партави шариати Мусо оид ба дафнкунӣ, ин эҳтимолияти кам дорад.

**19,18** Дастон ва пойҳои Худованд Исоро ба салиб мехкӯб карданд. Сипас салибро бардошта, ба чуқурии дар замин кофташуда устувор карданд. Ягона Одами комил аз мансубони Худ чунин муносибатро сазовор гардид! Агар шумо пештар ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ бовар накарда бошед, наход акнун, баъд аз хондани чунин ҳикояи сода оид ба он ки Ӯ барои шумо мурд, бовар намекунед? Ҳамроҳи Ӯ ду роҳзанро, *якеро аз ин тараф ва дигареро аз он тараф,* ба салиб кашиданд. Ҳамин тариқ, пайғамбарии Ишаъё 53,12 иҷро шуд; «... аз ҷинояткорон шумурда шуд».

**19,19** Анъанае буд, ки дар болои сари қатлшуда *навиштае* бо зикри ҷинояти содиркардааш гузошта мешуд. Пилотус фармуд, то чунин нависанд: *«ИСОИ НОСИРӢ, ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН»,* ва дар салиб ҷойгир кунанд.

**19,20** Александер ин фактро хеле фасеҳона тасвир намудааст:

*Ибронӣ забони муқаддаси падаркалонҳо ва пайғамбарон аст. Юнонӣ забони хушоҳанг ва наҷибест, ки дарки эҳсосотӣ ва ҷисмро тараннум мекунад, ва низ таҷассуми абстраксияҳои фалсафӣ аст. Лотинӣ забони одамонест,*

*ки аз ибтидо дар байни фарзандони одам ҳавитарин мебошанд. Се забон се нажод ва ақидаҳои онҳоро ифода мекунанд – ваҳй (ошкоршавӣ), санъат, адабиёт, инкишоф, ҷанг ва адлия. Дар ҳар ҷое ки ин се майли инсонӣ ҳаст, дар ҳар ҷое ки нутқи одамӣ садо медиҳад, дар ҳар ҷое ки дил барои гуноҳ, забон барои нутқ, чашмон барои хондан ҳастанд, салиб хабаре меоварад.*[50]

*«Ҷой ... ба шаҳр наздик* буд». Худованд Исо берун аз ҳудуди шаҳр ба салиб кашида шуд. Ҷои аниқ ба таври дақиқ маълум нест.

**19,21** Навишта ба *саркоҳинон* маъқул нашуд. Онҳо мехостанд, ки навишта иддаои Исоро ифода кунад, на худи фактро (ки ҳақиқат буд).

**19,22** *Пилотус* тағйир додани навиштаро рад кард. Яҳудиён вайро асабонӣ мекарданд, ва вай ба онҳо дигар дар ҳеҷ гузашт кардан намехост. Аммо вай бояд пештар қатъият нишон медод!

**19,23** Баъди қатл ба *сарбозон* иҷозат медоданд, ки либоси мурдагонро гиранд. Ин ҷо мо мехонем, ки чӣ гуна онҳо *либоси* Масеҳро байни худ тақсим мекунанд. Аз афташ, либос ҳамагӣ аз панҷ ҳисса иборат буд. Чор қисми либосро тақсим карданд, вале *пероҳан* боқӣ монд, ки *дарз надошт,* ва агар онро пора мекарданд, арзише намедошт.

**19,24** Онҳо барои пероҳан *қуръа партофтанд,* ва он ба ғолиби номаълум расид. Онҳо пай намебурданд, ки бо ин кор пайғамбарии аҷиби ҳазор сол пеш гуфташударо иҷро менамуданд (Заб. 21,19)! Ин пайғамбариҳои иҷрошуда боз ба мо ёдрас мекунанд, ки ин Китоб Каломи дорои илҳоми илоҳӣ мебошад ва Исои Масеҳ ҳақиқатан Масеҳи ваъдашуда аст.

### Ж. Исо модари Худро ба Юҳанно месупорад (19,25-27)

**19,25** Бисёр муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас чунин меҳисобанд, ки дар ин оят чор зан тасвир шудаанд: 1) Марям, *модари* Исо; 2) *хоҳари* Марям, Салӯмит, модари Юҳанно; 3) Марям, *зани* Клӯпо; 4) *Марями Маҷдалия.*

**19,26-27** Ба азобҳои Худ нигоҳ накарда, Худованд оид ба дигарон ғамхорӣ карданро давом медод. *Модари Худ* ва Юҳаннои *шогирдро* дида, Ӯ ба вай Юҳанноро чун касе муаррифӣ намуд, ки дар оянда барояш чун писар хоҳад буд. Ба модараш «эй зан» гуфта, Худованд нисбати вай беэҳтиромӣ зоҳир накард. Аммо он чиз қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ӯ вайро «Модар» нагуфт. Оё ин барои онҳое ки Марямро то ҳадди парастидан болобардор кардан ҳастанд, дарс нест? Исо аз Юҳанно хоҳиш кард, ки ба Марям чун ба *модари* худ ғамхорӣ кунад. Юҳанно итоат кард ва Марямро *ба хонаи худ* бурд.

### З. Масеҳ кори супурдашударо ба анҷом расонд (19,28-30)

**19,28** Аз афташ, байни оятҳои 27 ва 28 се соати торикӣ гузаштанд – аз нисфирӯзӣ то соати сеи баъди нисфирӯзӣ. Дар ин вақт Худо Исоро тарк карда буд, зеро Ӯ ҷазоро барои гуноҳҳои мо ба Худ гирифт. Фарёди Ӯ *«Ташнаам»* – далели ташнагии ҳақиқии табиӣ буд, ки аз азобҳои маслубшавӣ сахттар шуда буд. Аммо он ҳамчунин ба мо ёдрас мекунад, ки ташнагии рӯҳонии Ӯ барои наҷот додани ҷонҳои одамӣ аз ташнагии табиӣ афзунтар буд.

**19,29** Сарбозон ба Ӯ *сиркоро*[51] барои нӯшидан доданд. Онҳо, эҳтимол, *исфанҷеро* ба нӯги найза баста бо *зуфо* ба лабонаш наздик бурданд. *(Зуфо* – растаниест, ки ҳамчунин дар Песаҳи яҳудиён истифода мешавад – Хур. 12,22.) Ин бо сиркои омехта бо заҳра (Мат. 27,34), ки пештар ба Ӯ пешниҳод карданд, як нест. Исо аз он даст кашид, зеро он чун пасткунандаи дард таъсир мекард. Вай мебоист гуноҳҳои моро пурра ҳушёрона ба Худ мегирифт.

**19,30** *«Иҷро шуд!»* Коре ки Падар ба Ӯ супориш дода буд, иҷро шуд! Ҷон аз Ӯ чун қурбонӣ барои гуноҳ берун шуд! Кори бозхаридкунӣ ва кафорат иҷро шуд! Ӯ ҳанӯз намурдааст, аммо марг, дафн ва ба осмон рафтани Ӯ ба андозае пешакӣ муайян буданд, ки гӯё аллакай иҷро шуданд. Худованд Исо фароҳам оварда шудани роҳеро, ки гуноҳкоронро ба сӯи наҷот меоварад, эълон кард. Пас биёед Худоро барои он коре ки Худованд дар салиби Ҷолҷолто ба ҷо овард, ташаккур гӯем!

Баъзе илоҳиётшиносон мегӯянд, ки *сар фурӯ овардан* маънои ба қафо андохтани сарро дошта метавонад. Вайн менависад: «Ӯ

баъди марг сари Худро нотавонона ба пеш хам накард, балки дидаву дониста дар ҳолати осудагӣ ба қафо андохт».

*Ҷон додани* Ӯ ихтиёрӣ будани марги Ӯро таъкид мекунад. Вақти марги Худро Ӯ Худ муайян кард. Лаёқатҳои Худро пурра идора карда, Ӯ *ҷон* дод, ки инро ҳеҷ як одами одӣ карда наметавонист.

### И. Қабурғаи Наҷотдиҳандаро бо найза сӯрох мекунанд (19,31-37)

**19,31** Боз мо мебинем, ки *яҳудиёни* диндор ин куштори хунсардонаро бо ҷидду ҷаҳд ба иҷро расонданд. Онҳо «пашшаро софӣ карда, шутурро фурӯ бурданд». Онҳо дар ёд доштанд, ки ҷасадҳо бояд *бар салиб дар рӯзи шанбе намонанд*. Охир, дар шаҳр идро ҷашн мегирифтанд. Ва онҳо аз Пилотус хоҳиш карданд, ки барои тезондани марги қатлшудагон *соқи пойҳои* ҳар сеяшонро *шикананд*.

**19,32** Навиштаи Муқаддас тасвир намекунад, ки соқи пойҳои онҳоро чӣ гуна мешикастанд. Аммо, аз афташ, якчанд ҷои соқи пойҳоро мешикастанд, зеро агар танҳо як бор шикананд, марг фаро намерасад.

**19,33** Ин сарбозон таҷрибаи зиёд доштанд. Онҳо медонистанд, ки *Исо аллакай мурдааст*. Ҳеҷ имкон надошт, ки Ӯ беҳол шуда ё беҳуш шуда бошад. Онҳо *соқи пойҳои Ӯро нашикастанд*.

**19,34** Ба мо гуфта нашудааст, ки чаро *яке аз сарбозон ба паҳлуи Ӯ найза зад*. Шояд, ин алангаи сахти бадкирдорӣ дар дили вай буд. «Ин зарбаи наҳси душмани мағлубшуда баъди муҳориба буда, далели нафрат ба Худо ва Масеҳ аст, ки дар дили инсон реша давондааст». Оид ба *хун ва об* ин ҷо ақидаҳои гуногун ҳастанд. Баъзеҳо инро нишонаи марг аз кафидани дил меҳисобанд, аммо мо аллакай хондем, ки Исо ихтиёран маргро қабул кард. Дигарон дар ин рамзи таъмид ва Шоми Худовандро мебинанд, ки ин аз ҳақиқат дур метобад. Хун далели покшавӣ аз айби гуноҳ буда, об рамзи покшавӣ аз олудагии гуноҳ ба воситаи Калом аст. Ин дар шеъри зерин баён шудааст:

*Бигузор об ва хун,*
*Ки аз бадани сӯрохшудаи Ту ҷорӣ мешуданд,*
*Маро аз гуноҳ дучанд шифо диҳанд*
*Ва аз айб ва қудрати он наҷот диҳанд.*
Огастес Топледӣ

**19,35** Ояти 35 дар назар дошта метавонад, ки пойҳои Исоро нашикастанд, ё ки паҳлӯи Исоро бо найза сӯрох карданд ё Ӯро ҳақиқатан дар салиб мехкӯб карданд. Дар *он касе ки дид,* бешубҳа, Юҳанно, муаллифи Инҷил, шинохта мешавад.

**19,36** Ин оят гуфтаҳои ояти 33-ро чун иҷрои пайғамбарӣ аз Хуруҷ 12,46 тасдиқ мекунад: «Ҳеҷ як устухони Ӯ шикаста намешавад». Ин суханон ба барраи Песаҳ дахл доштанд. Паймони Худо талаб мекард, ки устухонҳои он бутун монанд. Масеҳ Барраи ҳақиқии Песаҳ аст, ки пайғамбарӣ бо аниқии том дар Ӯ иҷро шуд.

**19,37** Ояти 37 бо ояти 34 алоқаманд аст. Сарбоз пай намебурд, ки рафтораш боз ба як пайғамбарии *Навиштаи Муқаддас* (Зак. 12,10) мувофиқат мекард. «Одам бадкирдории худро зоҳир мекунад, аммо Худо нақшаҳои Худро амалӣ мекунад». Пайғамбарии Закарё ба рӯзҳои оянда дахл доранд, вақте ки яҳудиёни имондор ба замин омадани Худовандро хоҳанд дид. «Ба Ман, ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа мекунанд, барои Ӯ навҳа хоҳанд кард».

### Й. Дафни Исо дар қабри Юсуф (19,38-42)

**19,38** Ин ҷо дафни Исо тасвир карда мешавад. То ҳол *Юсуф аз аҳли Ромо* шогирди пинҳонӣ буд. *Аз тарси яҳудиён* вай ба Масеҳ рӯйрост пайравӣ намекард. Акнун вай далерона қадаме ба пеш гузошт ва иҷозат хост, то *Ҷасади Исоро* фароварда дафн кунад. Ин кори вай боиси аз куништ ронда шудан, нафрат ва таъқибот мегардид. Фақат он чиз таассуфовар аст, ки вай ба ҳимояи Исои радшуда ҳангоме барнахест, ки Ӯ ҳанӯз ба халқ хизмат мекард.

**19,39-40** Хонандагони Инҷили Юҳанно аллакай бо *Никӯдимус,* ки замоне *шабона назди Исо омада буд* (б. 3), шинос ҳастанд, ва дертар, ҳангоме ки кори Исо дар синедрион (шӯрои пирон) шунида мешуд, исрор менамуд, ки ба Исо имкон дода шавад, то барои сафед кардани Худ сухан гӯяд (7,50. 51). Вай ба Юсуф ҳамроҳ шуд, ва бо худ *сад паймона мур ва уди омехта овард*. Ин *хушбӯиҳо,* аз афташ, хока

буданд ва онҳоро ба ҷасад мепошиданд. Сипас *ҷасадро ба кафан печонданд.*

**19,41** Қариб ҳар яке аз ҷузъиёти ин оятҳо дар пайғамбариҳо тасдиқи худро меёбад. Ишаъё пешгӯӣ кард, ки Масеҳро ҳамроҳи бадкирдорон дафн карданӣ мешаванд, аммо Ӯ бо сарватдоре дафн карда мешавад (Иш. 53,9). *Қабри наве дар боғ,* эҳтимол, ба шахси сарватманд тааллуқ дошт. Аз Матто мо мефаҳмем, ки он ба Юсуф аз аҳли Ромо тааллуқ дошт.

**19,42** Ҷасади *Исоро* ба қабр гузоштанд. Ба сабаби иди худ, ки ҳангоми ғуруби офтоб сар мешуд, яҳудиён мехостанд ҷасадро зудтар аз чашмон дур кунанд. Вале ҳамаи ин қисми нақшаи илоҳӣ буд, ки ҷасад дар замин бояд се рӯзу се шаб мемонд. Дар ин робита бояд гуфт, ки яҳудиён ҳар як қисми шабонарӯзро чун рӯз меҳисобиданд. Ҳамин тариқ, Худованд се рӯзи нопурра дар қабр буд, ки ин ба пешгӯии Ӯ дар Матто 12,40 мувофиқат мекунад.

## IX. ТАНТАНАИ ПИСАРИ ХУДО (Б. 20)

### А. Қабри холӣ (20,1-10)

**20,1** *Рӯзи якшанбе* рӯзи якуми ҳафта буд. *Марями Маҷдалия* то фаро расидани субҳ *ба сари қабр омад.* Эҳтимол, қабр мақбараи хурде буд, ки дар камари теппа ё харсанг канда шуда буд. *Санг* шакли тангаро дошт – мудаввар ва паҳн. Онро ба даромадгоҳи қабр меғелонданд, ва он ба кома зич даромада, даромадгоҳро маҳкам мекард. Марям бар сари қабр рафта дид, ки *санг аз қабр бардошта шудааст.* Чунон ки мо аз Матто 28 медонем, ин баъди растохези Масеҳ ба амал омад.

**20,2** Марям фавран *давида назди Петрус* ва Юҳанно омада, эълон намуд, ки касе Худовандро *аз қабр* бурдааст. Вай нагуфт, ки инро кӣ кард, фақат гуфт, ки *«онҳо»* (дар тарҷумаи тоҷикӣ ин ҷонишин партофта шудааст), ва дар назар дошт, ки ин ҳамаи он чизест ки вай медонад. Садоқат ва вафодории занонро зикр кардан лозим аст: онҳо ҳангоми дар салиб мурдани Худованд ва ҳангоми зинда шудани Ӯ дар назди Ӯ буданд. Шогирдон Худовандро тарк карда гурехтанд. Занон, бо вуҷуди хатар ба амнияти шахсӣ, истода буданд. Ин фактро беаҳамият гузоштан нашояд.

**20,3-4** Тасаввур кардан душвор аст, ки *Петрус* ва Юҳанно ҳангоми *аз* шаҳр ба боғи назди Ҷолҷолто шитобидан чӣ фикр мекарданд. Юҳанно, эҳтимол, аз Петрус ҷавонтар буд, ва аввал *бар сари қабр омад.*

**20,5** Эҳтимол, қабр сақфи паст дошт, ва барои даромадан ва ё нигоҳ кардан хам шудан лозим меомад. Юҳанно *кафани гузоштаро дид.* Оё онҳо кушода буданд, ё шакли баданро нигоҳ медоштанд? Мо тахмин мекунем, ки охиринаш дуруст аст. *Лекин* Юҳанно ба қабр *надаромад.*

**20,6-7** Дар ин вақт *Петрус* расида омад ва бе дудилагӣ ба қабр даромад. Ба вай як андоза ҳардамхаёлӣ хос аст, ки вайро ба мо монанд мекунад. Вай ҳамчунин *кафани* катониро *гузошта дид,* аммо бе ҷасади Наҷотдиҳанда.

Ҷузъиёт оид ба *рӯймол* барои нишон додани он илова шудааст, ки рафтани Худованд оромона ва бешитоб буд. Агар касе ҷасадро медуздид, матоъро махсус *печонда* намемонд!

**20,8** Юҳанно ба қабр даромада, кафанро ва рӯймолро боэҳтиёт печонида *дид.* Аммо суханони *«ва дид, ва бовар кард»* аз биниши табиӣ бештарро ифода мекунанд. Онҳо маънои онро доранд, ки вай фаҳмид. Дар назди вай далели растохези Масеҳ буд. Он ба вай воқеаи рухдодаро ошкор кард, ва вай *бовар кард.*

**20,9** То ин лаҳза шогирдон ҳақиқатан *Навиштаҳои* Аҳди Қадимро оид ба он ки Масеҳ *бояд аз мурдагон бархезад,* намефаҳмиданд. Худованд ҳамчунин оид ба ин борҳо гуфта буд, аммо онҳо суханони Ӯро намефаҳмиданд. Аввалин шуда инро Юҳанно фаҳмид.

**20,10** *Ва шогирдон* ба ҷое ки дар он ҷо иқомат доштанд, *баргаштанд* – эҳтимол, ба Уршалим. Онҳо қарор доданд, ки дар назди қабр интизор шудан бефоида аст. Рафта, ба шогирдони дигар хабар додани воқеаи рухдода беҳтар аст.

### Б. Ба Марями Маҷдалия зоҳир шудан (20,11-18)

**20,11** Ду калимаи аввал хеле мувофиқанд: «Аммо *Марям*». Ду шогирди дигар ба хона

рафтанд, аммо Марям ... Ин ҷо мо боз муҳаббат ва садоқати занро мебинем. Вай хеле зиёд бахшида шуда буд ва муҳаббати вай калон буд. Вай дар назди қабр танҳо навбатдорӣ карда, мегирист, зеро гумон мекард, ки эҳтимол, ҷасадро душманони Худованд дуздидаанд.

**20,12** Ин дафъа, ба қабр нигариста, вай *ду фариштаро дид, ки дар он ҷое ки ҷасади Исо гузошта шуда буд, нишаста буданд.* Қобили зикр аст, ки ин фактҳо оромона, бе эҳсосоти махсус хабар дода мешаванд.

**20,13** Чунин менамояд, ки Марям натарсид ва ҳайрон нашуд. Вай ба саволи онҳо ҷавоб дод, гӯё зоҳиршавии онҳо ҳодисаи маъмулӣ буд. Аз ҷавоби вай аён аст, ки вай ҳанӯз намефаҳмид, ки Исо аз мурдагон бархостааст ва аз нав зинда аст.

**20,14** Дар ин лаҳза чизе вайро водор намуд, ки ба ақиб нигарад. Дар назди вай Худи *Исо* меистод, аммо вай Ӯро нашинохт. Саҳарии барвақт буд, ва ҳанӯз пурра рӯшноӣ нашуда буд. Вай беист мегирист, ва, табиист, ки нигоҳаш тира шуда буд. Шояд, Худо низ то вақти даркорӣ ба вай имкони шинохтани Худовандро надод.

**20,15** Худованд ҷавобҳоро ба ин саволҳо медонист; аммо вай мехост инро аз худи вай шунавад. Вай тахмин кард, ки ин *боғбон аст.* Наҷотдиҳандаи ҷаҳон метавонад ба одамон наздик бошад ва бо вуҷуди ин шинохтанашуда монад. Ӯ ҳамеша намуди хоксорона дорад – на чун қудратмандони ин ҷаҳон. Марям ҷавоб дода, номи Худовандро нагуфт. Вай оид ба Исо се бор бо истифодаи ҷонишини *Ӯ* сухан ронд. Вай фақат барои як Одам ғам мехӯрд, ва фикр мекард, ки шахсияташро аниқтар муайян кардан зарур нест.

**20,16** Акнун Марям овози шиносро шунид, ки номи вайро мегирифт. Хато буда наметавонист – ин *Исо* аст! Вай Ӯро *«Раббунӣ»* номид, ки маъноаш *«Устоди* бузургам» аст. Амалан, вай ҳанӯз ҳам оид ба Ӯ чун оид ба Устоде фикр мекард, ки медонист. Вай намефаҳмид, ки акнун Ӯ аз Устод зиёдтар аст, – Ӯ Худованд ва Наҷотдиҳандаи вай аст. Худованд тайёр буд ба вай роҳи навтар ва комилтари дар оянда шинохтани Ӯро фаҳмонад.

**20,17** Марям Исоро шахсан чун Одам мешинохт. Вай муъҷизаҳоеро, ки Ӯ ҳангоми дар ҷисми одамӣ буданаш ба амал меовард, медид. Бинобар ин вай хулоса баровард: агар Ӯ ба назараш намуда, Худаш нонамоён бошад, вай ҳеҷ гуна умеди баракат ёфтан нахоҳад дошт. Худованд бояд фикрронии вайро ислоҳ мекард. Ӯ гуфт: *«Ба Ман* чун ба Одам дар ҷисм *даст нарасон.* Ман *ҳанӯз назди Падари Худ боло нарафтаам.* Пас аз он ки Ман ба осмон бармегардам, Рӯҳулқудс ба замин фиристода мешавад. Ҳангоме ки Ӯ меояд, Маро ба дилат чунон ошкор мекунад, ки пештар ҳеҷ гоҳ Маро он гуна намедонистӣ. Ман ба ту назар ба он ки ҳангоми дар ин ҷо зистани Ман имконпазир буд, наздиктар ва арзишноктар хоҳам шуд».

Сипас Ӯ ба вай фармуд, ки *назди бародарони Ӯ рафта,* ба онҳо дастури нави Ӯро хабар диҳад. Бори аввал Худованд шогирдонро *«бародарони Ман»* номид. Онҳо бояд донанд, ки Падари Ӯ Падари онҳост ва Худои Ӯ Худои онҳост. Фақат ҳозир имондорон «писарон» ва «ворисони Худо» шуданд.

Худованд Исо «Падари мо» нагуфт, балки *«Падари Худ ва Падари шумо»*. Байни Падари Исо будан ва Падари мо будани Худо фарқе ҳаст. Худо аз азал *Падари* Худованд Исо аст. Масеҳ ба воситаи зодашавии абадӣ Писар аст. Писаре ки ба Падар баробар аст. Мо писархондҳои Худо ҳастем. Ин муносибатҳо ҳангоми наҷот ёфтани мо сар мешаванд, ва ҳеҷ гоҳ тамом намешаванд. Чун писарони Худо, мо ба Худо баробар нестем ва ҳеҷ гоҳ баробар нахоҳем шуд.

**20,18** *Марями Маҷдалия* ба вазифаи худ итоат карда, чунон ки касе номидааст, «расул ба расулон» шуд. Оё мо метавонем шубҳа кунем, ки ин имтиёзи калон ба вай барои садоқат ба Масеҳ дода шудааст?

### В. Дар назди шогирдон зоҳир шудани Ӯ (20,19-23)

**20,19** *Бегоҳии* якшанбе буд. *Шогирдон* шояд, дар ҳамон болохонае ки се рӯз пеш вохӯрда буданд, якҷоя *ҷамъ омаданд. Дарҳои онро аз тарси яҳудиён баста буданд.* Ногаҳон онҳо Исоро дар мобайн диданд, ва овози Ӯро шуниданд: *«Салом!»* Маълум аст, ки Худованд дарро накушода, ба хона даромад. Муъҷиза ба амал омад. Бояд дар ёд дошт, ки баъди

растохез бадани Ӯ бадани воқеии иборат аз гӯшт ва устухон буд. Аммо бо вуҷуди ин Ӯ қудрати аз монеаҳо гузаштан ва новобаста ба қонунҳои табиат амал карданро дошт. Суханони *«Салом* [осоиш] *ба шумо!»* акнун маънои нав пайдо карданд, зеро Масеҳ бо Хуни Худ осоишро таъмин намуд. Онҳое ки бо имон сафед карда шудаанд, бо Худо осоиш доранд.

**20,20** Баъди эълони осоиш *Ӯ ба онҳо* нишонаҳои уқубатҳоеро, ки ба воситаи онҳо осоиштагӣ ба даст омада буд, *нишон дод*. Онҳо захми меххо ва захми найзаро диданд. Ҳангоме онҳо диданд, ки ин Шахс ҳақиқатан *Худованд* аст, дили онҳоро шодӣ фаро гирифт. Ӯ ҳамон тавре кард, ки гуфта буд. Ӯ аз мурдагон бархост. Худованди зиндашуда барои масеҳӣ сарчашмаи шодист.

**20,21** Ояти 21 хеле зебост. Имондорон набояд танҳо худашон аз осоиштагии он ҳаловат баранд. Онҳо бояд онро бо дигарон бо ҳам бинанд. Ӯ онҳоро ба ҷаҳон мефиристад, *чунон ки Падар* Ӯро *фиристодааст.*

*Масеҳ ба ҷаҳон чун Одами бенаво омад.*
*Ӯ чун Хизматгор омад.*
*Ӯ Худро кам донист.*
*Ӯ бо шодӣ хости Падарро ба ҷо овард.*
*Ӯ симои одамиро қабул кард.*
*Ӯ фақат некӣ мекард.*
*Ӯ бо қувваи Рӯҳулқудс амал мекард.*
*Мақсади Ӯ салиб буд.*

Акнун Ӯ ба шогирдон гуфт: *«Ман низ шуморо мефиристам»*.

**20,22** Ин яке аз оятҳои душвортарин дар тамоми Инҷил аст. Мо мехонем, ки Исо бар шогирдон *дамид,* ва гуфт: *«Рӯҳулқудсро пайдо кунед»*. Душворӣ дар он аст, ки Рӯҳулқудс то рӯзи Пантикост дода нашуда буд. Чӣ тавр ин воқеа ҳангоми ин суханонро гуфтани Худованд рӯй дода натавонист?

Якчанд маънидод ҳаст: 1) Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки Худованд фақат ваъда дод, ки дар рӯзи Пантикост онҳо Рӯҳулқудсро ба даст меоваранд. Аз эҳтимол дур аст, ки ин маънидоди муносиб бошад. 2) Дигарон ба он ишора мекунанд, ки дар асл Наҷотдиҳанда ин ҷо на «Рӯҳулқудсро пайдо кунед», балки «Рӯҳро пайдо кунед» гуфтааст. Онҳо аз ин хулоса мебароранд, ки шогирдон дар он лаҳза на Рӯҳулқудсро дар пуррагӣ, балки хизмати ҷузъии Рӯҳро ба даст оварданд, масалан дониши бештари ҳақиқат ё қудрат ва роҳбарӣ барои вазифаи онҳо. Онҳо мегӯянд, ки шогирдон кафолат ё пешакӣ чашидани Рӯҳулқудсро ба даст оварданд. 3) Дигарон изҳор менамоянд, ки дар ин вақт Рӯҳулқудс бар шогирдон пурра фуруд омад. Ин аз эҳтимол дур метобад, зеро дар Луқо 24,49 ва дар Аъмол 1,4.5.8 омадани Рӯҳулқудс чун воқеаи дар оянда рух медода қаламдод мешавад. Аз Юҳанно 7,39 аён аст, ки то ҷалол ёфтани Исо, яъне то ба осмон баргаштани Ӯ, Рӯҳ ба пуррагӣ фуруд омада наметавонист.

**20,23** Ин боз як ояти душвор аст, ки бисёр ихтилофотро ба миён овардааст.Нуқтаи назари якум чунин аст: Амалан Исо ба расулони Худ (ва ба ҷонишинони дар назар будаи онҳо) қудрати бахшидан ё боқӣ гузоштани гуноҳҳоро дод. Чунин ақида комилан мухолифи Навиштаи Муқаддас аст, ки мувофиқи таълимоти он, фақат Худо гуноҳҳоро бахшида метавонад (Лук. 5,21).Габелин нуқтаи назари дуюмро меоварад: «Қудрат ва эътибори ваъдашуда мувофиқи мавъизаи Инҷил дода шудаанд. Шогирдон фақат эълон мекунанд, ки дар асоси кадом шартҳо бахшидашавии гуноҳҳоро ба даст овардан мумкин аст, ва агар ин шартҳо қабул карда нашаванд, гуноҳҳо боқӣ гузошта мешаванд». Нуқтаи назари сеюм, (ки ба дуюм монанд аст) ва мо бо он ҳамфикр ҳастем, чунин аст: Ба шогирдон ҳуқуқи эълон намудани бахшидашавии гуноҳҳо дода шудааст.

Иҷозат диҳед, то ақидаи сеюмро бо мисолҳо фаҳмонам. Шогирдон Инҷилро мавъиза мекунанд. Баъзе одамон аз гуноҳҳо тавба мекунанд ва Худованд Исоро қабул менамоянд. Шогирдон ваколат доранд ба онҳо хабар диҳанд, ки *гуноҳҳои* онҳо *бахшида шудаанд*. Дигарон тавба карданро рад мекунанд ва ба Масеҳ бовар намекунанд. Шогирдон ҳақ доранд ба ин гуна одамон гӯянд, ки онҳо ҳанӯз дар гуноҳанд, ва ҳангоме ки мемиранд, ҷовидона ҳалок мешаванд.

Ба иловаи ин маънидод мо ҳамчунин бояд диққатро ба он ҷалб намоем, ки Худованд ба шогирдон қудрати махсусеро додааст, то бо гуноҳҳои муайян сарукор дошта бошанд. Масалан, дар Аъмол 5,1-11 Петрус ин қудратро ба кор бурд, ки он боиси марги Ҳанониё ва Сафира шуд. Павлус гуноҳро дар фасодкорон боқӣ мегузорад (1Қур. 5,3-5.12. 13) ва гуноҳро афв мекунад (2Қур. 2,4-8). Дар ин мавридҳо

афв аз ҷазо дар ҳамин зиндагӣ дар назар дошта шудааст.

### Г. Шубҳае ки ба имон табдил ёфт (20,24-29)

**20,24** Хулосаи шитобкорона баровардан лозим нест, ки *Тумо* дар он айбдор аст, ки бо шогирдон набуд. Оид ба сабаби набудани вай ҳеҷ чиз гуфта намешавад.

**20,25** Туморо дар нобоварӣ айбдор кардан лозим аст. Вай мехост далели диданӣ, моддии растохези Худовандро дошта бошад, вагарна *бовар намекунад*. Имрӯзҳо ҳам бисёриҳо ҳамин тавр рафтор мекунанд, аммо ин оқилона нест. Ҳатто олимон ба бисёр чизҳое бовар мекунанд, ки намебинанд ва «даст расондан» наметавонанд.

**20,26** Пас аз як ҳафта Худованд боз дар назди шогирдон ҳозир шуд. Ин дафъа *Тумо бо онҳо буд*. Боз ҳам Худованд ба таври ғайриодӣ ба хона даромада, *«Салом ба шумо!»* гуфт.

**20,27** Худованд бо пайрави нобовари Худ меҳрубонона ва пурсаброна сӯҳбат мекард. Ӯ ба вай пешниҳод кард, ки дасташро ба ҷои захми найза дар *паҳлу* гузорад, то боварӣ ҳосил кунад, ки Ӯ ҳақиқатан зинда шудааст.

**20,28** *Тумо* боварӣ ҳосил кард. Мо намедонем, ки оё вай ба захми Худованд даст расонд ё не. Аммо вай ниҳоят дарёфт, ки Исо зинда шудааст ва *Худованд* ва *Худост*. Ҷон Бойз дар ин бора хеле хуб навиштааст: «Вай илоҳияти нонамоёнро ба воситаи захмҳои намоён эътироф намуд».

**20,29** Қобили зикр аст, ки Исо парастишро чун Худо қабул мекард. Агар Ӯ фақат одам мебуд, Ӯ мебоист ин гуна мурочиатро нисбати Худ манъ мекард. Аммо имони Тумо на он қадар ба Худованд маъқул буд. Зеро ин имон дар чизи намоён асос ёфта буд. *Касоне ки надида имон меоваранд,* бештар хушбахтанд.

Шаҳодати боварибахштарин Каломи Худост. Агар мо ба суханони Худо бовар кунем, бо ин ба Ӯ иззату эҳтиром зоҳир менамоем; ва, баръакс, агар шаҳодатҳои иловагӣ талаб кунем, ба Ӯ иззату эҳтиром зоҳир намекунем. Мо бояд фақат бовар кунем, чунки Ӯ инро гуфтааст, ва Ӯ бошад ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯяд ва хато намекунад.

### Ғ. Мақсади Инҷили Юҳанно (20,30-31)

**20,30-31** На ҳамаи муъҷизаҳои офаридаи Исо дар Инҷили Юҳанно навишта шудаанд. Рӯҳулқудс аз байни онҳо ҳамонҳоеро интихоб намуд, ки ба мақсадҳои Ӯ бештар ҷавобгӯ ҳастанд.

Дар ин ҷо мақсади Юҳанно дар навиштани ин китоб зикр мешавад. Ин китоб барои он навишта шудааст, то хонандагон *имон оваранд, ки Исо Масеҳи* ҳақиқӣ *ва Писари Худост. Имон оварда, онҳо ба номи Ӯ ҳаёти* ҷовидонӣ *ёбанд*.

Оё шумо имон овардаед?

## Х. ОХИРСУХАН: ПИСАРИ ЗИНДАШУДАИ ХУДО ҲАМРОҲИ МАНСУБОНИ ХУД (Б. 21)

### А. Масеҳ ба шогирдони Худ дар Ҷалил зоҳир мешавад (21,1-14)

**21,1** Акнун воқеаҳо *дар соҳили кӯли Табария* (кӯли Ҷалил) ба амал меоянд. Шогирдон ба шимол, ба тарафи хонаҳои худ дар Ҷалил рафтанд. Дар он ҷо онҳоро Худованд Исо истиқбол намуд. *«Намоён шуданаш чунин буд*:» маънои онро дорад, ки Юҳанно чӣ гуна ба онҳо зоҳир шудани Масеҳро тасвир карданист.

**21,2** *Дар он вақт ҳафт шогирд:* Шимъуни Петрус, Тумо, Натанъил, *Яъқуб ва Юҳанно* (писарони Забдой) ва ду нафари дигар, *ки номҳояшонро намедонем,* бо ҳам буданд.

**21,3** Шимъуни Петрус қарор дод дар кӯл *моҳигирӣ* кунад, ва дигарон розӣ шуданд, ки ҳамроҳи вай раванд. Ин чун қарори табиӣ ба назар мерасид, агарчи муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас ақида доранд, ки сайди моҳӣ хилофи хости Худо буд ва онҳо пешакӣ дуо накарда рафтанд. *Ва он шаб чизе сайд накарданд.* Онҳо моҳигирони аввалин набуданд, ки шабро гузаронда, ягон моҳӣ сайд накарданд! Ин намунаи он аст, ки кӯшишҳои одамӣ бе мадади илоҳӣ бефоидаанд, хусусан дар масъалаи сайди ҷонҳо.

**21,4** *Исо* онҳоро вақте интизор буд, ки онҳо *субҳ* киштиро ба *соҳил* меронданд, аммо онҳо Ӯро нашинохтанд. Шояд, ҳанӯз торик буд, ё шояд, Худо бо қудрати Худ ба шогирдон имкон надод, ки Ӯро шиносанд.

**21,5** Ин монанди он аст, ки Худованд чунин савол дода бошад: «Эй ҷавонон, оё ягон чизи хӯрданӣ доред?» Онҳо маъюсона *ба Ӯ ҷавоб доданд: «Не».*

**21,6** Ба назари онҳо чунин намуд, ки ин ношиносест, ки дар соҳил қадам мезанад. Аммо ба ҳар ҳол дар ҷавоби маслиҳати Ӯ онҳо *тӯрро ба тарафи рости киштӣ андохтанд,* ва ... Оҳ, муъҷиза! *Моҳии* бисёр! Чунон бисёр, ки онҳо тӯрро кашида наметавонистанд! Ин онро ифода мекунад, ки Худованд Исо ҳамадон аст ва бинобар ин медонист, ки дар куҷои кӯл моҳӣ ҳаст. Ин ҳамчунин барои мо дарс аст: Ҳангоме ки Худованд хизматгузории моро идора мекунад, тӯрҳои холӣ дигар нахоҳанд буд. Ӯ медонад, ки ҷонҳои омодаи қабул кардани наҷот ҳастанд, ва мехоҳад моро ба сӯи онҳо равона кунад, агар мо ба Ӯ имкон диҳем.

**21,7** Юҳанно аввалин шуда *Худовандро* шинохт ва инро ба *Петрус* гуфт. Петрус *ҷомаашро ба худ печонд,* худро ба кӯл партофт ва ба сӯи соҳил рафт. Ба мо хабар дода нашудааст, ки оё вай шино кард ё дар об мерафт ё ҳатто бар болои об (чунон ки баъзеҳо ақида доранд).

**21,8** *Шогирдони дигар* аз киштии калони моҳидорӣ ба киштии хурд гузаштанд ва *тӯрро* то соҳил ба масофаи сад метри боқимонда кашиданд.

**21,9** Наҷотдиҳанда аллакай барои онҳо хӯрок тайёр карда буд – *моҳии* бирён *ва нон.* Мо намедонем, ки оё Худованд ин моҳиро сайд кард ё ба таври муъҷизавӣ ба даст овард. Аммо мо аниқ медонем, ки Ӯ ба кӯшишҳои заифи мо вобаста нест. Бешубҳа, дар осмон мо хоҳем фаҳмид, ки бисёр одамон ба воситаи мавъиза ва шаҳодати шахсӣ наҷот ёфтаанд, дар ҳоле ки дигаронро Худи Худованд, бе ёрии одамон, наҷот додааст.

**21,10** Акнун Ӯ аз онҳо хоҳиш кард, ки тӯрро бо моҳиён биёранд – на барои пухтани онҳо, балки барои ҳисоб кардан. Ин бори дигар ба онҳо ёдрас мекунад, ки сирри муваффақият дар он аст, ки таҳти роҳбарии Ӯ кор кунанд ва дар итоати комил ба Сухани Ӯ амал намоянд.

**21,11** Навиштаи Муқаддас миқдори аниқи моҳиёни сайдшударо мегӯяд – *саду панҷоҳу се адад.* Маънидодҳои бисёри маънои ин рақам ҳастанд, ки ҷолиби диққатанд: 1) миқдори забонҳои ҷаҳон дар он вақт; 2) миқдори нажодҳо ё қабилаҳо дар ҷаҳон, ки тӯри Инҷил то онҳо хоҳад расид; 3) миқдори намудҳои гуногуни моҳиён дар кӯли Ҷалил ё умуман дар ҷаҳон. Бешубҳа, он метавонад гуногунии ба воситаи мавъизаи Инҷил наҷотёфтагонро ифода кунад – одамони гуногунро аз ҳар як қабила ва халқ. Моҳигирон *надаридани тӯрро* муъҷиза ҳисобида, шод шуданд. Ин боз як далели он аст, ки одаме ки кори Худоро мувофиқи иродаи Ӯ ба ҷо меоварад, ҳеҷ гоҳ дар васоити илоҳӣ танқисӣ нахоҳад кашид. Вай хоҳад дид, ки тӯр намедарад.

**21,12** Даъватро ба *хӯрдани хӯрок* шунида, шогирдон дар назди оташ ҷамъ мешаванд ва хӯроки болаззатеро, ки Худованд пешкаш кард, пора мекунанд. Лахчаҳои сӯзонро дида, шояд, Петрус чизеро ба ёд овард. Шояд, вай оташеро ба ёд овард, ки дар назди он гарм мешуд, ҳангоме Худовандро рад кард. Дар ҳузури Худованд шогирдонро ҳисси ғайриодии ҳарос ва тантананокӣ фаро гирифт. Ӯ дар назди онҳо дар ҷисми зиндашудаи Худ меистод. Онҳо ба Ӯ саволҳои зиёде додан мехостанд. Аммо онҳо ҷуръат намекарданд. Онҳо медонистанд, ки *ин Худованд аст,* агарчи ҳис мекарданд, ки Ин Одамро сирр фаро гирифтааст.

**21,13** Акнун *Исо* ба онҳо хӯрокро медиҳад. Аз афташ, ҳодисае монанди ин ба ёди онҳо омад, ҳангоме Ӯ бо якчанд нон ва моҳӣ панҷ ҳазорро сер карда буд.

**21,14** *Ин бори сеюм буд,* мегӯяд Юҳанно, ки *Исо ба шогирдони Худ* зоҳир шуд. Аз Инҷилҳои дигар аён аст, ки Ӯ аз ин ҳам бештар ба онҳо зоҳир шуда буд. Дар ин Инҷил Ӯ ба шогирдон бегоҳии рӯзи якшанбе, сипас баъди як ҳафта ва акнун дар соҳили кӯли осмониранги Ҷалил зоҳир шуд.

### Б. Барқароршавии Петрус (21,15-17)

**21,15** Худованд аввал оид ба эҳтиёҷоти табиии шогирдон ғамхорӣ намуд. Баъди он ки онҳо гарм шуданд ва сер гардиданд, Ӯ ба *Петрус* бо саволҳои рӯҳонӣ муроҷиат кард. Петрус се бор дар назди ҷамъият Худовандро инкор кард. Сипас вай тавба кард ва мушоракатро бо Худованд барқарор намуд. Дар ин оятҳо Худованд дар назди ҷамъият барқароршавии Петрусро эълон мекунад.

Бисёр вақт ба он ишора мекунанд, ки барои ифодаи *дӯст доштан* дар ин оятҳо ду калимаи гуногун истифода мешаванд. Мо ояти 15-ро ба таври зерин аз нав баён карда метавонистем: *«Шимъун ибни Юнус, оё Маро бештар аз* шогирдони дигар *дӯст медорӣ?» Вай ба Ӯ чунин мегӯяд: «Оре, Худовандо! Ту медонӣ, ки Туро* нағз мебинам». Вай лоф намезанад, ки ҳеҷ гоҳ Худовандро тарк намекунад, ҳатто агар ҳамаи шогирдони дигар чунин кунанд. Вай ин дарсро аз худ кард.

*«Гӯсфандони Маро чарон»,* – гуфт Исо. Роҳи беҳтарини исбот намудани муҳаббат ба Масеҳ – рамаи ҷавони Ӯро чаронидан аст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки сӯҳбат аз сайди моҳӣ ба шубонӣ гузашт. Сайди моҳӣ рамзи кори инҷилшиносонӣ аст, дуюмӣ бошад таълимот ва ғамхории шубониро дар назар дорад.

**21,16** *Боз бори дигар* Худованд аз Петрус пурсид, ки оё вай Ӯро дӯст медорад. Петрус ҷавоб дод. Бори дуюм дар ҷавоби Петрус нобоварӣ ба худ садо медиҳад: *«Ту медонӣ, ки Туро* нағз мебинам». Ин дафъа Ӯ *ба вай гуфт: «Гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо»*. Дар рамаи Масеҳ барраҳо ва гӯсфандон ҳастанд, ки муҳтоҷи ғамхории меҳрубононаи он касе мебошанд, ки Шубонро дӯст медорад.

**21,17** Петрус се бор Худовандро инкор кард, бинобар ин ба вай се бор имкон дода шудааст, ки Ӯро эътироф намояд.

Ин дафъа Петрус ба он далолат мекунад, ки Исо Худост, бинобар ин *аз ҳама чиз боха- бар аст.* Вай *бори сеюм гуфт: «Ту медонӣ, ки Туро* нағз мебинам». Ва бори сеюм ба вай пешниҳод карда шудааст, ки *гӯсфандони* Масеҳро чаронида, инро исбот кунад. Дарси асосии ин порча дар он аст, ки ягона сабаби қобили қабули хизмат ба Масеҳ муҳаббат ба Ӯст.

### В. Исо марги Петрусро пешгӯӣ мекунад (21,18-23)

**21,18** *Вақте ки* Петрус *ҷавон буд,* озодона ҳаракат карда метавонист. Вай *ба ҳар ҷое ки мехост,* рафта метавонист. Аммо ин ҷо Худованд пешгӯӣ кард, ки ӯро дар охири умр ҳабс мекунанд ва баста ба қатл мебаранд.

**21,19** Ин ҷо ояти 18 фаҳмонда мешавад. Петрус бо марги риёзаткашонааш *Худоро ҷалол* хоҳад дод. Ба касе ки Худовандро инкор кард, ҷасорат дода мешавад, то барои Ӯ мурад. Оят онро ёдрас мекунад, ки мо Худоро ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар марг ҷалол дода метавонем. Сипас Худованд нидо кард: *«Аз пайи Ман биё!»* Инро гуфта, Ӯ, аз афташ, рафтанӣ буд.

**21,20** Чунин менамояд, ки *Петрус* аз пайи Худованд рафт, аммо баъд, *ба атроф нигоҳ карда,* Юҳанноро дид, ки *аз пайи онҳо меояд.* Ин ҷо Юҳанно номи худро нагуфтааст, аммо худро чун *ҳамоне* зикр кардааст, *ки дар вақти хӯроки шоми* Песаҳ *ба сандуқи синаи* Исо *такя зада,* номи хоинро пурсид.

**21,21** *Петрус* Юҳанноро дид, ва, эҳтимол, дар майнааш фикре пайдо шуд: *«Оқибати* Юҳанно *чӣ мешавад?* Оё вай низ чун риёзаткаш мемурад? Ё ҳангоми баргаштани Худованд вай ҳанӯз зинда хоҳад буд?» Вай аз Худованд оид ба ояндаи Юҳанно пурсид.

**21,22** Худованд ҷавоб дод, ки Петрус набояд оид ба рӯзҳои охирини Юҳанно рағбат зоҳир намояд. Ҳатто агар вай то омадани дуюми Масеҳ зинда мемонда бошад, ин барои Петрус набояд аҳамияте дошта бошад. Бисёр нобарориҳо дар масеҳият бо он вобастаанд, ки шогирдон на ба Худи Худованд, балки ба корҳои якдигар аҳамият медиҳанд.

**21,23** Суханони Худованд нодуруст иқтибос карда шуданд. Ӯ *нагуфт,* ки ҳангоме Ӯ ба замин бозмегардад, Юҳанно ҳанӯз зинда хоҳад буд. Ӯ фақат гуфт, ки ҳатто агар ин воқеъ шавад ҳам, набояд ба Петрус дахле дошта бошад. Бисёриҳо маънои ин суханонро дар он мебинанд, ки Исо ин ҷо Юҳанноро бо омадани дуюми Худ алоқаманд мекунад ва ба Юҳанно имтиёзи навиштани Ваҳйи Исои Масеҳ дода шудааст, ки ба ҷузъиёти охири замон дахл дорад.

### Г. Шаҳодати хотимавии Юҳанно оиди Исо (21,24-25)

**21,24** Юҳанно илова кард, ки оид ба аниқии навиштаҳои худ шахсан шаҳодат медиҳад. Баъзеҳо ин суханонро аз тарафи пирони калисои Эфесус тасдиқ шудани Инҷили Юҳанно меҳисобанд.

**21,25** Мо аз таҳтуллафзӣ қабул намудани ояти 25 наметарсем! Исо Худост ва бинобар ин беинтиҳо мебошад. Маънои суханон ва

миқдори аъмоли Ӯ интиҳо надоранд. Ҳангоми дар замин буданаш Ӯ ҳамоно Тавонои мутлақи офтоб, моҳ ва ситорагон буд. Кӣ ҳамаи он чиро, ки оламро ба ҳаракат меоварад, ягон вақт тасвир карда метавонад? Ҳатто муъҷизаҳои Ӯ дар замин фақат сатҳӣ тасвир шудаанд. Оид ба асабҳо, мушакҳо, хун ва қисмҳои дигари бадан, ки Ӯ дар раванди шифодиҳӣ идора мекард, фикр кунед. Оид ба қудрати Ӯ бар микробҳо, моҳиён, олами ҳайвонот фикр кунед. Оид ба он фикр кунед, ки Ӯ корҳои одамонро ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунад. Оид ба он фикр кунед, ки Ӯ сохти атомии ҳар як ҳиссачаи материяро дар олам идора мекунад. Агар ҳамаи ин муфассал тасвир карда шавад, оё *тамоми ҷаҳон он китобҳои навишташударо ғунҷоиш дода метавонист?* Ҷавоб аниқ аст: «Не».

Инак, мо тафсири худро ба Инҷили Юҳанно анҷом медиҳем. Эҳтимол, он ба мо ёрӣ дод, то беҳтар фаҳмем, ки чаро ин Инҷил яке аз қисмҳои дӯстдоштатарини Китоби Муқаддас шудааст. Агар онро бо диққат ва бо дуо хонем, аз нав дӯст надоштани Шахсияте ки он Ӯро муаррифӣ мекунад, ғайриимкон аст.

# Тавзеҳот

1. (1,18) Дар матни дигар (НА) мехонем: *«Худои* ягона». Ибораи анъанавии *«Писари* ягона» ба аксарияти дастнависҳо ва инчунин ба 3,16 мувофиқат мекунад.
2. (1,29) J. Cynddylan Jones, *Studies in the Gospel According to St. John,* саҳ. 103.
3. (1,45) James S. Stewart, *The Life and Teaching of Jesus Christ,* саҳ. 66-67.
4. (1,51) Мо фақат дар Юҳанно «омин»-и дубораро («ба ростӣ, ба ростӣ») меёбем. Дигар муаллифон, аз афташ, ин гуфтаи Худованди моро ихтисор кардаанд, ва мо мехонем: «ба ростӣ».
5. (2,4) George Williams, *The Studenfs Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 194.
6. (2,11) Jones, *Studies,* саҳ. 148.
7. (3,1) Дар матни юнонӣ ин оят бо пайвандаки хурди «ге» бо маънои *ва, акнун, аммо* сар мешавад.
8. (3,5) Боз як маънидоди асосноке ки ба қаринаи матни муқобилгузории таваллуди рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ додан мумкин аст: об ба таваллуди ҷисмонӣ дахл дорад, Рӯҳ бошад ба Рӯҳулқудс дахл дорад. Раббинҳо калимаи «об»-ро барои ифодаи нутфаи мард ба кор мебурданд; об ҳамчунин халтаи моеи атрофи ҷанинро, ки ҳангоми зода шудани кӯдак мекафад, ифода карда метавонад.
9. (3,16) F. W. Boreham, маълумоти бештаре нест.
10. (4,48) Дар забони юнонӣ ин ҷо шумораи ҷамъ («ба онҳо») истифода мешавад.
11. (5,3) James Gifford Bellett, *The Evangelists,* саҳ. 50.
12. (5,18) J. Sidlow Baxter, *Explore the Book,* ҷ. V, саҳ. 309.
13. (5,24) Дигар оятҳо таълим медиҳанд, ки имондор ягон рӯз пеши Курсии доварии Масеҳ ҳозир хоҳад шуд (Рум. 14,10; 2Қур. 5,10). Аммо дар он лаҳза вай барои гуноҳ ҷазо дода намешавад. Зеро ҷазо аллакай дар Ҷолҷолто ба амал омадааст. Дар пеши Курсии доварии Масеҳ ҳаёт ва хизмати имондор аз назар гузаронида мешавад, ва вай ё мукофот мегирад, ё зиён мебинад. Он вақт гап на дар бораи наҷоти ҷони вай, балки оид ба самаранокии ҳаёти вай хоҳад буд.
14. (5,29) Агар дар Навиштаи Муқаддас ин ояти ягона оид ба растохез мебуд, хулоса баровардан мумкин мебуд, ки ҳамаи мурдагон якбора зинда мешаванд. Аммо аз қисмҳои дигари Навиштаи Муқаддас, хусусан аз Ваҳй 20, мо медонем, ки байни ду растохез камаш ҳазор сол мегузарад. Дар вақти растохези якум онҳое зинда мешаванд, ки дар имон ба Масеҳ наҷот ёфтаанд. Растохези дуюм онҳоеро дар бар хоҳад гирифт, ки бе имон мурдаанд.
15. (5,39) Шакли юнонии феъли *«тадқиқ кардан»* якмаъно нест. Он дар сиғаи амрӣ («тадқиқ кунед», «ҷӯед») ё хабарӣ буда метавонад («шумо тадқиқ мекунед», «шумо меҷӯед»). Қаринаи матн ба маънои дуюм мувофиқат мекунад.
16. (5,47) Guy King, *To My Son,* саҳ. 104.
17. (6,11) W. H. Griffith Thomas, *The Apostle John: His Life and Writings,* саҳ. 173, 174.
18. (6,15) Frederick Brotherton Meyer, *Tried By Fire,* саҳ. 152.
19. (6,31) Манн резаҳои хурди сафеди хӯрданӣ буд, ки Худо ба таври мўъҷизаосо ба исроилиён дар биёбон фиристод. Онҳо бояд маннро ҳар саҳарии шаш рӯзи аввали ҳафта ҷамъ меоварданд.
20. (6,59) Куништ ҷои ҷамъшавии яҳудиёни диндор аст, аммо он бо парастишгоҳи Уршалим, ки он ҷо қурбониҳо овардан мумкин буд, як нест.
21. (6,69) Дар НА мехонем: «Ту Қуддуси Худо ҳастӣ».
22. (7,1) Донистан фоиданок аст, ки дар забони юнонӣ калимаи «яҳудӣ» (Иоудаиос) чунин маъноҳо дошта метавонад: 1) яҳудӣ (бар акси ҷалилӣ); 2) ҳама гуна яҳудӣ (бо зимни оне ки Масеҳро қабул мекунад); 3) мухолифи масеҳият, хусусан роҳбари динӣ. Юҳанно калимаи «яҳудӣ»-ро асосан ба маънои охирин истифода мебарад, агарчи худаш яҳудӣ (ба маънои дуюм) буд.
23. (7,7) Meyer, *Tried,* саҳ. 129.
24. (7,37) (Зикри тарҷумон) Дар нусхаи англисӣ мехонем: *«Агар* касе ташна бошад ...»
25. (8,5) J. N. Darby, маълумоти бештаре нест.

26. (8,11) Дар дастнависҳои қадимтари Инҷили Юҳанно оятҳои 7,53-8,11 нестанд, аммо дар бештар аз 900 нусхаи юнонӣ (аксари кулл) ҳастанд. Аниқ маълум нест, ки оё ин оятҳо қисми матни ибтидоӣ ҳастанд ё не. Мо ақида дорем, ки онҳоро чун қисми матни дорои илҳоми илоҳӣ қабул кардан лозим аст. Ҳамаи он чи онҳо таълим медиҳанд, бо қисми боқимондаи Навиштаи Муқаддас ҳамоҳангии пурра дорад. Августин менависад, ки касе ин оятҳоро аз хавфи он ки онҳо боиси тараққии тасаввуротҳои озодона оид ба ахлоқ мешаванд, аз матн берун кардааст.
27. (8,43) (Зикри тарҷумон) Дар асли юнонӣ дар ҷои «калом» ду калима ҳаст: «нутқ» ва «калом». Яъне дар асл ин оят чунин садо медиҳад: «Чаро *нутқи* Маро намефаҳмед? Чунки *каломи* Маро наметавонед бишнавед».
28. (8,45) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of Colossians, Thessalonians, Timothy, Titus, Philemon,* саҳ. 701, 702.
29. (9,35) Аксари дастнависҳо дар ин ҷо «Писари *Худо»* мехонад, ки ин ба қаринаи матн (парастиш дар о. 38) беҳтар мувофиқат мекунад.
30. (10,28) Дар забони юнонӣ ин ҷо барои тақвият инкори дукарата ҳаст.
31. (10,36) Samuel Green, *Scripture Testimony to the Deity of Christ,* саҳ. 7.
32. (11,1) Arthur W. Pink, *Exposition of the Gospel of John,* ҷ. III, саҳ. 12.
33. (11,25) Burkitt, маълумоти бештаре нест.
34. (11,35) Ояти кӯтоҳтарини Аҳди Нави юнонӣ дар тарафи баръакси спектри эҳсосотӣ ҷойгир аст: «Ҳамеша шод бошед» *(Pantote chairete,* 1Тас. 5,16).
35. (11,47) Ryle, *Expository Thoughts on the Gospels, St. John,* ҷ. II, саҳ. 295.
36. (11,48) Meyer, *Tried,* саҳ.112.
37. (12,4-5) Ryle, *John,* ҷ. II, саҳ. 309,310
38. (12,24) T. G. Ragland, маълумоти бештаре нест.
39. (13,13-14) Албатта, махсусан дар кишварҳои Шарқ ҳолатҳои ҳақиқатан шустани пойҳои дигарон ҳастанд, аммо ин фақат яке аз намунаҳои хизмати хоксорона аст.
40. (13,32) Аз рӯи грамматикаи забони юнонӣ аён аст, ки ин ҳақиқат аст.
41. (14,20) Намунаҳои дигар маълуманд: парранда дар ҳаво ва ҳаво дар парранда; моҳӣ дар об ва об дар моҳӣ.
42. (17,1) Marcus Rainsford, *Our Lord Prays for His Own,* саҳ. 173.
43. (17,4) Ryle, *John,* ҷ. III, саҳ. 40, 41.
44. (17,26) F. L. Godet, *Commentary on the Gospel of John,* ҷ. II, саҳ. 345.
45. (17,26) Rainsford, *Our Lord Prays,* саҳ. 173.
46. (18,14) Stewart, *Life and Teaching,* саҳ. 157.
47. (18,28) Augustine, иқтибос аз Ryle, *John,* ҷ. III, саҳ. 248.
48. (18,28) Bishop Hall, дар ҷои зикршуда.
49. (18,28) Poole, дар ҷои зикршуда.
50. (19,20) Alexander, маълумоти бештаре нест.
51. (19,29) Ин калимаро инчунин чун «сиркои май» ё «майи турш» тарҷума кардан мумкин аст.

# Рӯйхати адабиёт

Godet, F. L.
*Commentary on the Gospel of John.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1969 (таҷдиди чопи с. 1893, 2 ҷилд якҷоя).

Hole, F. B.
*The Gospel of John Briefly Expounded.*
London: The Central Bible Truth Depot, сол номаълум.

Ironside, H. A.
*Addresses on the Gospel of John.*
New York: Loiseaux Bros., 1956.

Jones, J. Cynddylan.
*Studies in the Gospel according to St. John.*
Toronto: William Briggs, 1885.

Kelly, William.
*An Exposition of the Gospel of John.*
London: C. A. Hammond Trust Bible Depot, 1966.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of St. John's Gospel.*
Minneapolis: Augsburg Publishing House, 1942.

Macaulay, J. C.
*Obedience Unto Death: Devotional Studies in John's Gospel.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1942.

Pink, Arthur W.
*Exposition of the Gospel of John. ҷ. III.*
Swengel, Pennsylvania: Bible Truth Depot, 1945.

Rainsford, Marcus.
*Our Lord Prays for His Own.*
Chicago: Moody Press, 1955.

Ryle, J. C.
*Expository Thoughts on the Gospels: St. John.*
London: James Clarke and Co., Ltd., 1957.

Tasker, R.V.G.
*The Gospel According to St. John.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1968.

Tenney, Merrill
*C. JOHN: The Gospel of Belief.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1948.

Thomas, W. H. Griffith.
*The Apostle John: Studies in His Life and Writings.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1968.

Van Ryn, A.
*Meditations in John.*
Chicago: Moody Press, 1949.

Vine, W. E.
*John, His Record of Christ.*
London: Oliphants, 1957.

Westcott, B. F.
*The Gospel According to St. John.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1954.

# АМАЛҲОИ РАСУЛОН

*Исо – мавзуъ, Ҷамоат – восита, Рӯҳулқудс бошад қувва аст.*
В. Греҳем Скроггӣ

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Китоби Аъмол ягона китобест, ки дар он таърихи ҷамоат ба воситаи *илҳоми илоҳӣ* баён шудааст; ҳамчунин аввалин ва ягона таърихи ҷамоат аст, ки ибтидои ташаккули масеҳиятро шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҳамаи муаллифони дигар ба он баъзе тасаввуротҳои анъанавиро (ва фарзияҳои зиёдро) илова карда, асари Луқоро ба асос мегиранд. Бе ин китоб дар назди мо мушкилиҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меомаданд. Аз зиндагонии Худованди мо, ки дар Инҷил тасвир ёфтааст, якбора ба номаҳо мегузаштем. Ҷамоатҳое ки номаҳо ба онҳо ирсол шуда буданд, аз киҳо иборат буданд ва онҳо чӣ гуна ба вуҷуд омадаанд? Китоби Аъмол ба ин ва ба бисёр саволҳои дигар ҷавоб медиҳад. Ин кӯпрукест на танҳо байни зиндагонии Масеҳ, ва зиндагонӣ дар Масеҳ, ки номаҳо онро таълим медиҳанд, балки ҳалқаи гузариш байни дини яҳудӣ ва масеҳият, байни шариат ва файз. Яке аз асоситарин мушкилиҳои тафсири китоби Аъмол аз ҳамин иборат аст – тадриҷан васеъшавии доираи амал аз ҳаракати хурдакаки яҳудиён, ки марказаш Уршалим буд, то имони умумиҷаҳоние ки ҳатто ба худи пойтахти империя расид.

### II. МУАЛЛИФӢ

Муаллифи Инҷили Луқо ва китоби Аъмол – худи ҳамон як шахс аст; ба ин қариб ҳама ҳамфиканд. Агар Инҷили сеюм аз тарафи Луқо навишта шуда бошад, пас китоби Аъмол ҳам ба ӯ тааллуқ дорад ва баръакс (ниг. ба «Муқаддима» ба тафсири Инҷили Луқо).

*Шаҳодатҳои берунии* он, ки китоби Аъмолро Луқо навиштааст, эътимодноканд, маъмуланд ва ба давраи аввали таърихи Ҷамоат тааллуқ доранд. «Муқаддима ба Инҷили Луқо» (тахминан солҳои 160-180), ки ба муқобили маркионизм равона карда шудааст, қонуни Мураторӣ (тахминан солҳои 170-200) ва падарони аввалини Ҷамоат: Ириней, Клименти Александрияги, Тертуллиан ва Ориген – ҳама эътироф мекунанд, ки Луқо муаллифи китоби Аъмол мебошад. Қариб ҳамаи шахсоне ки дар таърихи ҷамоат пас аз онҳо омадаанд, аз он ҷумла, чунин шахсони обрӯманд, монанди Евсевий ва Иероним чунин ақида доранд.

Дар худи матни китоби Аъмол се *шаҳодати дохилӣ* ҳаст, ки муаллиф будани Луқоро тасдиқ мекунад. Дар аввали китоби Аъмол муаллиф махсус асари аз он пештар таълифшударо номбар мекунад, ки низ ба Теофилус бахшида шудааст. Аз Луқо 1,1-4 маълум аст, ки «нома»-и зикршуда Инҷили сеюмро дар назар дорад. Услуб, тезутундии баён, захираи луғавӣ, диққати махсус ба апологетика (ҳимояи имони масеҳӣ) ва маҷмуи зиёди ҷузъиёти хурд ин ду асарро ба ҳамдигар мепайванданд. Агар хоҳиши Инҷили Луқоро якҷоя бо се Инҷили дигар ҷойгир намудан намебуд, бешубҳа ин ду асар, ба монанди номаҳои 1-ум ва 2-юм ба Қуринтиён, якҷоя ба Аҳди Нав дохил мешуданд.

Баъдан, аз матни китоби Аъмол маълум аст, ки муаллиф ба Павлус дар сафарҳояш ҳамсафар буд. Ба ин истифодаи ҷонишини «мо» дар баъзе порчаҳо (16,10-17; 20,5-21,18; 27,1-28,16) далолат мекунад. Яъне муаллиф дар ҳодисаҳое ки маълумот медиҳад, худаш бевосита иштирок дошт. Кӯшишҳои ин хусусиятҳоро ҳамчун услуби бадеӣ шарҳу эзоҳ додани шаккокон эътимоднок нестанд. Агар онҳо фақат бо мақсади ба асар саҳеҳии бештаре бахшидан илова шуда бошанд, пас чаро онҳо ин қадар кам ва бе талқинкунӣ ворид карда мешаванд ва аз чӣ сабаб шахси ба ин «мо» дохилшаванда номбар карда намешавад?

Хулоса, агар дигар ҳамсафарони Павлусро, ки муаллиф дар шахси сеюм номбар кардааст, инчунин он ҳамсафаронашро, ки дар вақти ҳодисаҳои дар ин порчаҳо тасвир ёфта (бо «мо») бо Павлус набуданашон маълум аст, ба эътибор нагирем, пас, ягона номзади воқеӣ Луқо мебошад.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Дар ҳоле ки муайян кардани таърихи аниқи навишта шудани баъзе аз китобҳои Аҳди Нав он қадар муҳим нест, барои китоби Аъмол, китобе ки пеш аз ҳама *таърихи* Ҷамоат мебошад ва инчунин таърихи аввалинест, ки мо дорем, он аҳамияти зиёд дорад.

Се санагузории китоби Аъмол пешниҳод шуда буд, ки дутояш ба муаллифии Луқо мувофиқат мекунаду яктояш онро инкор мекунад:

1. Ба асри II милодӣ нисбат додани таърихи навишта шудан, албатта, муаллифии Луқоро имконнопазир мегардонад: аз эҳтимол дур аст, ки вай аз соли 80 ё, аз ҳама дер, аз соли 85 милодӣ дертар зиндагӣ карда бошад. Баъзе олимони либералӣ бар он ақидаанд, ки муаллиф «Атиқаҳои яҳудӣ»-и Юсуфро (тақрибан соли 93 милодӣ) истифода бурдааст, вале монандиҳое ки Аъмол 5,36-ро (дар бораи Тавдо) муоина карда, ба онҳо ишора кардаанд, ба ҳам мувофиқат намекунанд ва дар байни тасвири ҳодисаҳо мутобиқати махсус вуҷуд надорад.
2. Нуқтаи назари маъмул чунин аст: Луқо ҳам Инҷил ва ҳам китоби Аъмолро дар байни солҳои 70-80 навиштааст. Пас, барои мураттаб сохтани Инҷили худ Луқо аз Инҷили Марқус, ки мумкин аст аз солҳои 60 вуҷуд дошт, метавонист истифода барад.
3. Тахмини асоснок кардан мумкин аст, ки Луқо навиштани китоби Аъмолро чанде пас аз рӯй додани ҳодисаҳое ки дар хотимаи китоб тасвир ёфтаанд, ба охир расонд: яъне дар вақти бори аввал ҳабс шудани Павлус дар Рум.

*Мумкин* аст, ки *Луқо* нақшаи навиштани ҷилди сеюмро кашида буд (вале барои он, эҳтимол, хости Худо набуд) ва бинобар ин дар бораи таъқиботе ки ба сари масеҳиён дар байни солҳои 63 ва 70 омада буд, намегӯяд. Вале набудани маълумотҳо дар бораи чунин ҳодисаҳо монанди таъқиботи шадиди масеҳиён аз тарафи Нерон дар Италия баъд аз сӯхтор дар Рум (соли 64), ҷанги яҳудиён бо Рум (солҳои 66-70), марги пуразоби Петрус ва Павлус (нимаи дуюми солҳои 60) ва он чи барои яҳудиён ва масеҳиёни яҳудӣ даҳшатноктарин буд – харобшавии Уршалим, ба санагузории барвақттар ишора мекунад. Яъне, эҳтимоли бештаре дорад, ки Луқо китоби Аъмолро дар вақти дар ҳабсхона дар Рум будани Павлус соли 62 ё 63 милодӣ навиштааст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Китоби Аъмол лабрези ҳаёт ва амал аст. Дар он мо мебинем, ки Рӯҳулқудс чӣ гуна амал мекунад, Ҷамоатро ташаккул дода, онро мустаҳкам намуда нуфузи онро интишор медиҳад. Ин қиссаи ҳайратангез дар бораи он аст, ки чӣ тавр Рӯҳи соҳибихтиёри Худованд, воситаҳои аз ҳама фавқулодаро истифода бурда, монеаҳои бартарафнашавандаи зиёдеро бартараф намуда ва бо роҳҳои аз ҳама ғайримаъмулӣ равона шуда, ба натиҷаҳои ҳайратангез комёб мегардад.

Дар китоби Аъмол нақл аз ҳамон лаҳзаи ба охир расидани Инҷил аз нав сар мешавад, сипас тасвирҳои фоҷиаангези кӯтоҳ моро бо солҳои пурташвиши аввалини Ҷамоати ҷавон шинос менамояд. Китоби Аъмол дар бораи давраи бузурги гузариш ривоят мекунад, ки Ҷамоати Аҳди Нав аз кафани дини яҳудӣ озод мешуд ва дар бораи худ ҳамчун ҷамъияти тамоман фарқкунандаи нав эълон менамуд, ки дар он яҳудиён ва ғайрияҳудиён дар Исои Масеҳ ягонаанд. Аз ҳамин сабаб китоби Аъмолро таърихи «аз сина баровардани Исҳоқ» номидан мумкин аст.

Дар вақти хондани ин китоб, ҳангоми дидани он ки Худо чӣ гуна меофарад, мо рӯҳан ҳаловат мебарем. Дар айни замон мо шиддатнокиро эҳсос менамоем, вақте мушоҳида мекунем, ки чӣ тарз гуноҳ ва шайтон ба кори Худо мухолифат мекунанд.

Дар дувоздаҳ боби аввал ҷои марказиро расул Петрус, ки ба халқи Исроил мардонавор

ваъз мегуфт, ишғол менамояд. Аз боби сездаҳ ва баъд расул Павлус, ки бо эҳтимом, илҳом ва пуртоқатӣ дар байни ғайрияҳудиён тухми маърифатро мекошт, ба мавқеи аввал мебарояд.

Китоби Аъмол тахминан давраи 33-соларо дар бар мегирад. Ҷ. Б. Филлипс зикр кардааст, ки дар ягон давраи дигари таърихи инсоният *«шумораи ками одамони одӣ ба ҷаҳон ин хел таъсир карда натавонистаанд, ки душманони онҳо бо ашкҳои ғазаб гӯянд, ки ин одамон ҷаҳонро чаппагардон карданд»*.[1]

# Нақша

I. ҶАМОАТ ДАР УРШАЛИМ (Б. 1–7)
- А. Худованди зиндашуда Рӯҳулқудсро ваъда медиҳад (1,1-5)
- Б. Худованди болораванда ба расулон фармон медиҳад (1,6-11)
- В. Шогирдони дуокунанда дар Уршалим интизоранд (1,12-26)
- Г. Рӯзи Пантикост ва ба вуҷуд омадани Ҷамоат (2,1-47)
- Ғ. Лангро шифо додан, ва халқи Исроилро ба тавба даъват кардани Петрус (3,1-26)
- Д. Таъқиби Ҷамоат ва нумуи он (4,1–7,60)

II. ҶАМОАТ ДАР ЯҲУДО В А СОМАРА (8,1–9,31)
- А. Хизмати Филиппус дар Сомара (8,1-25)
- Б. Филиппус ва хоҷасарои ҳабашӣ (8,26-40)
- В. Бозгашт кардани Шоули Тарсусӣ (9,1-31)

III. ҶАМОАТ ТО АҚСОИ ОЛАМ (9,32–28,31)
- А. Петрус Хушхабарро ба ғайрияҳудиён мавъиза менамояд (9,32–11,18)
- Б. Таъсиси ҷамоат дар Антокия (11,19-30)
- В. Масеҳиёнро таъқиб намудани Ҳиродус ва марги ӯ (12,1-23)
- Г. Сафари аввалини миссионерии Павлус: Ғалотия (12,24–14,28)
- Ғ. Машварат дар Уршалим (15,1-35)
- Д. Сафари дуюми миссионерии Павлус: Осиёи Хурд ва Юнон (15,36–18,22)
- Е. Сафари сеюми миссионерии Павлус: Осиёи Хурд ва Юнон (18,23–21,26)
- Ё. Ҳабси Павлус ва мурофиаҳои ӯ (21,27–26,32)
- Ж. Роҳи Павлус ба Рум ва шикасти киштӣ (27,1–28,16)
- З. Ҳабси хонагии Павлус ва шаҳодати ӯ ба яҳудиён дар Рум (28,17-31)

# Тафсир

## I. ҶАМОАТ ДАР УРШАЛИМ (Б. 1–7)

### А. Худованди зиндашуда Рӯҳулқудсро ваъда медиҳад (1,1-5)

**1,1** Китоби Аъмол бо хотиррасонкунӣ сар мешавад. Луқо, «табиби маҳбуб», асари худро – китоберо, ки мо ҳозир ҳамчун Инҷили Луқо медонем (ниг. Луқ. 1,1-4), пеш аз ин ҳам ба *Теофилус* ирсол намуда буд. Дар оятҳои охирини ин Инҷил ӯ ба Теофилус гуфт, ки Худо бевосита пеш аз боло шудани Худ ба шогирдонаш ваъда дод, ки онҳо бо Рӯҳулқудс таъмид дода мешаванд (Луқ. 24,48-53).

Акнун Луқо нақлашро давом додан мехоҳад, бинобар ҳамин ба ин ваъдаи ғолиб ва фараҳбахш ҳамчун ба нуқтаи сарҳисоб бармегардад. Ва инро ӯ тасодуфан накардааст, зеро ки дар ин ваъдаи Рӯҳ асоси ҳамаи ғалабаҳои рӯҳоние ки дар китоби Аъмол ҳикоя карда мешаванд, ниҳон мебошанд. Луқо Инҷили худро номаи аввал меномад. Дар он ӯ дар бораи ҳар он чи *Исо аз ибтидо ба амал овард ва таълим дод,* акс кардааст. Ӯ дар китоби Аъмол ёддоштҳояшро давом дода, дар бораи он ки Исо баъди ба осмон бурда шуданаш ба воситаи Рӯҳулқудс чиро ба амал овард ва чиро таълим дод, бо тафсил баён мекунад.

Аҳамият диҳед, ки хизмати Худованд ҳам дар *корҳо* ва ҳам дар *суханҳо* ифода меёфт. Он таълимот бе уҳдадорӣ ё эътироф бе амал набуд. Исои Масеҳ – таҷассуми зиндаи таълимоти Худ буд. Ӯ он чиро, ки мавъиза мекард, дар ҳаёт амалӣ мегардонд.

**1,2** Ин оятро хонда, Теофилус бояд ба хотир меовард, ки китоби пешинаи Луқо бо қиссаи ба осмон бурда шудани Исо ба охир расида буд: *Ӯ ба осмон бурда шуд.* Инчунин ӯ охирин дастурҳоеро, ки Худованд пеш аз ба осмон бурда шуданаш ба ёздаҳ расули Худ дода буд, бояд ба ёд меовард.

**1,3** Худо дар давоми *чил рӯз* байни зинда шудани Худ ва ба осмон бурда шудани Худ бо *далелҳои* бисёри боэътимоди растохези ҷисмии Худ ба шогирдонаш зоҳир шуд (ниг. Юҳ. 20,19.26; 21,1.14).

Дар ин вақт Ӯ бо онҳо инчунин дар бораи *Подшоҳии Худо* сухан мегуфт. Ӯро пеш аз ҳама на подшоҳиҳои заминӣ, балки ҳудуде ки дар он Худо Подшоҳ аст, ба ташвиш меовард.

Ин *Подшоҳиро* бо Ҷамоат омехта кардан мумкин нест. Худованд Исо ба халқи Исроил Худро ба сифати Подшоҳ пешниҳод кард, вале рад карда шуд (Мат. 23,37). Ҳамин тавр, подшоҳии заминии Ӯ то тавба кардани Исроил ва Ӯро ҳамчун Масеҳ қабул кардани он мавқуф гузошта шуд (Аъм. 3,19-21).

Дар вақти ҳозира Подшоҳ нест. Вале Подшоҳии ноаёне дар замин зери ҳукми Ӯ мебошад (Кул. 1,13). Бандагони Ӯ ҳамаи онҳое мебошанд, ки барои содиқ будан ба Ӯ розӣ шудаанд (Мат. 25,1-12). Ба мафҳуми муайян онҳо аз одамоне иборатанд, ки худро масеҳӣ меҳисобанд – ин ҷиҳати берунии он мебошад (Мат. 13,1-52). Дар асл бошад, он танҳо касонеро дар бар мегирад, ки аз олами боло зода шудаанд (Юҳ. 3,3.5). *Подшоҳӣ* дар ҳолати имрӯзаи он дар масалҳо дар боби 13- уми Инҷили Матто, тасвир ёфтааст.

Ҷамоат як чизи аҷиби комилан нав аст. Он дар пешгӯиҳои Аҳди Қадим хабар дода нашуда буд (Эфс. 5,3). Ба он ҳамаи имондорон дохил мешаванд – аз рӯзи Пантикост то ба боло бурда шудан. Ҷамоат ҳамчун Арӯси Исои Масеҳ бо Ӯ дар Подшоҳии Ҳазорсола ҳукмронӣ хоҳад кард ва шуҳрати Ӯро якумрӣ бо Ӯ бо ҳам мебинад. Исои Масеҳ, ҳамчун Подшоҳ дар охири Мусибати Бузург бармегардад, душманони Худро нест мекунад ва Подшоҳии ҳақиқатро дар тамоми замин барқарор менамояд (Заб. 71,8). Ҳарчанд ҳукмронии Ӯ дар Уршалим танҳо ҳазор сол давом мекунад (Ваҳӣ 20,4), Подшоҳии Ӯ ҷовидонӣ мебошад ба он маъно, ки ҳамаи душманони Худо охири охирон несту нобуд карда мешаванд ва дигар ҳеҷ кас ба Ӯ муқовимат намекунад ё халал намерасонад, ки якумрӣ дар осмон ҳукмрон шавад (2Пет. 1,11).

**1,4** Дар ин ҷо Луқо дар бораи вохӯрии Худованд бо шогирдони Худ, ҳангоми дар *Уршалим* дар хонае *ҷамъ* омадани онҳо ҳикоя мекунад. Исои зиндашуда ба онҳо амр дод, ки дар *Уршалим* бимонанд. Лекин чаро дар *Уршалим,* бешубҳа метавонистанд онҳо ба худ савол диҳанд. Барои онҳо ин шаҳри душманӣ, золимӣ ва таъқиб буд.

Бале, иҷроиши *ваъдаи Падар* бояд дар Уршалим рӯй медод. Ҳузури Рӯҳ дар худи ҳамон шаҳре ки Наҷотдиҳандаро ба салиб кашида

буданд, бояд рӯй медод. Барои он одамоне ки Писари Худоро рад карда буданд, ҳузури Рӯҳ бояд ҳамчун шаҳодат мешуд. Рӯҳи ростӣ ҷаҳони гуноҳро маҳкум мекунад, тақводорӣ ва адолатро меоварад – ва ҳамаи ин пеш аз ҳама дар Уршалим бояд рӯй диҳад. Шогирдон дар ҳамон шаҳре ки онҳо худашон аз Худованд рӯ гардонда буданд ва барои наҷот додани ҳаёти худ гурехта буданд, бояд Рӯҳулқудсро қабул мекарданд. Онҳо бояд ҷасорат ва шуҷоатро дар худи ҳамон ҷое зоҳир менамуданд, ки худашонро заиф ва тарсончак нишон дода буданд.

Аллакай бори аввал набуд, ки шогирдон аз забони Исо дар бораи *Ваъдаи Падар* мешуниданд. Дар давоми ҳамаи хизматгузории Худаш ва хусусан дар суҳбати охирин пеш аз азобу уқубаташ Ӯ ба онҳо мегуфт, ки Пуштибон хоҳад омад (ниг. Луқ. 24,49; Юҳ. 14,16.26; 15,26; 16,7.13).

**1,5** Акнун, дар вақти мулоқоти охирин бо онҳо Ӯ ин ваъдаро такрор менамояд. Баъзеҳоро, агар на ҳамаи онҳоро, *Яҳё* аллакай *бо об таъмид дода* буд. Вале таъмиди Яҳё зоҳирӣ ва ҷисмонӣ буд. *Баъд аз чанд рӯз*[2] онҳо бо Рӯҳулқудс таъмид дода мешаванд ва ин таъмид ботинӣ ва рӯҳӣ мешавад. Таъмиди аввалин онҳоро бо як қисми халқи тавбакунандаи Исроил расман муттаҳид мекард. Дуюмаш онҳоро бо Ҷамоат – Бадани Исо – муттаҳид сохта, бо ҳамин барои хизматгузорӣ устувор месозад.

Исо ваъда дод, ки баъд аз якчанд рӯз онҳо бо Рӯҳулқудс таъмид дода мешаванд, лекин дар китоби Аъмол дар бораи таъмид бо оташ гуфта нашудааст (Мат. 3,11.12; Луқ. 3,16.17). Таъмид бо оташ таъмиди маҳкумкунӣ мебошад, ки танҳо ба сари одамони беимон меояд ва дар оянда воқеъ мегардад.

## Б. Худованди болораванда ба расулон фармон медиҳад (1,6-11)

**1,6** Эҳтимол воқеаҳое ки дар бораашон ин ҷо гуфта мешавад, дар кӯҳи Зайтун рӯ ба рӯи Байт-Анё рӯй додаанд. Аз ҳамин ҷо Худованд Исо ба осмон бурда шуд (Луқ. 24,50.51).

Шогирдон ҳамеша дар бораи фуруд омадани Рӯҳ фикр мекарданд. Онҳо пешгӯии пайғамбар Юилро дар бораи зуҳури Рӯҳ, ки бо Подшоҳии машҳури Масеҳ алоқадор аст, дар хотир доштанд (Юил 2,28). Аз ин онҳо ба хулоса омаданд, ки Худо ба зудӣ *Подшоҳии* Худро барқарор мекунад, барои он ки дар аввал Ӯ гуфта буд, ки Рӯҳ ба онҳо баъд аз якчанд рӯз фуруд меояд. Саволи онҳо исбот кард, ки то ҳол ба зудӣ барқарор шудани Подшоҳии Исоро дар замин интизор буданд.

**1,7** Худо фикрҳои онҳоро, ки ба барқаророкунии Подшоҳии Ӯ дар замин интизор буданд, ислоҳ накард. Ин умед дуруст буд ва дуруст мемонад. Ӯ фақат ба онҳо гуфт, ки онҳо наметавонанд *донанд, ки* кай Подшоҳии Ӯ сар мешавад. Ин рӯз танҳо бо *қудрати* Падар муқаррар шудааст ва мувофиқи хости Ӯ инро мо набояд донем. Ин фақат ба Худо маълум аст.

Ибораи *«замонҳо ва муҳлатҳо»* дар Навиштаи Муқаддас ҳангоме истифода мешавад, ки сухан дар бораи воқеаҳои пешгӯикардаи Худо меравад ва ба халқи Исроил дахл дорад. Шогирдони дар дини яҳудӣ тарбияёфта метавонистанд хулоса бароранд, ки ин ибора ба он рӯзҳои муҳиме дахл дорад, ки бевосита пеш аз дар замин барпо шудани Подшоҳии Ҳазорсолаи Исо меоянд.

**1,8** Ба саволи шогирдон дар бораи рӯзи муайяни саршавии ин Подшоҳӣ чунин ҷавоб дода, Худованд Исо диққати онҳоро ба он чи дар он лаҳза аз ҳама муҳим буд, ҷалб намуд: ба моҳият ва соҳаи паҳншавии вазифаи онҳо. Моҳияти он *шаҳодат* буд, доираи паҳншавии он – *Уршалим, тамоми Яҳудо ва Сомара ва то канори ҷаҳон.*

Вале пеш аз ҳама ба онҳо лозим буд, ки *қувват* гиранд, *қуввати Рӯҳулқудсро.* Ин қувват беш аз ҳама ба масеҳӣ барои шаҳодат лозим аст. Инсон метавонад дорои истеъдоди ғайриодӣ, маълумоти хеле хуб, таҷрибаи бойи ҳаматарафа бошад, вале бе *қувваи* рӯҳӣ фаъолияти ӯ самаранок намешавад. Ва баръакс, инсон метавонад бесавод, безеб, аз рафтори боназокат маҳрум бошад, вале агар ӯ *қувваи* Рӯҳулқудсро дошта бошад, мардум дар ӯ нури Илоҳиро мебинанд. Барои шогирдони ба ҳарос афтода *қувва* барои шаҳодат, бебокии олӣ барои мавъизаи Хушхабар даркор буд. Онҳо ин қувваро ба даст меоваранд, агар Рӯҳулқудс бар онҳо фуруд ояд.

Мувофиқи пешбинии меҳрубононаи Худо, шаҳодати онҳо бояд дар *Уршалим* сар

мешуд ва ин пешакӣ муқаррар кардан маънии амиқ дорад. Худи ҳамон шаҳр, ки дар он Худованди моро ба салиб кашида буданд, бояд аввалин шуда даъват ба тавбаро қабул мекард ва ба Ӯ имон меовард.

Баъд *Яҳудо* – қисми ҷанубии Фаластин бо аҳолии аксар яҳудӣ, ки шаҳри асосиаш *Уршалим* буд.

Баъд *Сомара* – вилоят дар маркази Фаластин бо аҳолии барои яҳудиён манфури дурага, ки яҳудиён кӯшиш мекарданд бо онҳо сару кор надошта бошанд.

Ва дар охир, канори ҷаҳоне ки то он вақт маълум буд – кишварҳои ғайрияҳудиён, ки то ҳол берун аз ҳудуди манфиатҳои динӣ буданд. Маҳз ҳамин хел бо давраҳои ҳаммаркази доимо васеъшавандаи шаҳодат дар китоби Аъмол рафти таърих нишон дода шудааст.

1. Шаҳодат дар *Уршалим* (боби 1-7).

2. Шаҳодат дар *Яҳудо* ва *Сомара* (8,1-9,31).

3. Шаҳодат то *канори ҷаҳон* (9,32-28,31).

**1,9** Ҳамин ки Наҷотдиҳанда ба шогирдонаш дастурҳои охиринашро дод, Ӯ *боло* ба осмон *бурда шуд*. Оид ба ин дар Навиштаи Муқаддас танҳо чунин гуфта шудааст: «*Ӯ боло бурда шуд ... ва абре Ӯро аз пеши чашмони онҳо гирифта бурд*». Чунин манзараи бошукӯҳ ин қадар ба таври одӣ ва оромона тасвир ёфтааст! Худдорӣ дар нақл, ки ба муаллифони Навиштаи Муқаддас хос аст, ба рӯҳи илоҳӣ доштани Калом ишорат мекунад; одатан одамон оид ба ин гуна ҳодисаҳои ҷолиб ин тарз оромона нақл карда наметавонанд.

**1,10** Ва боз, Луқо ягон аломати тааҷҷубро нишон надода, дар бораи пайдо шудани *ду марди сафедпӯш* сухан меронад. Аз афти кор, ин фариштаҳои дар замин ба намуди одам падидомада буданд. Шояд ин худи ҳамон фариштаҳое буданд, ки онҳоро дар назди қабр баъд аз зинда шудани Исо дида буданд (Луқ. 24,4).

**1,11** Дар аввал фариштаҳо ба шогирдон, онҳоро *мардони Ҷалил* номида муроҷиат карданд. Чунон ки маълум аст, ҳамаи шогирдон, ба ғайр аз Яҳудои Исқарютӣ, зодагони маҳале буданд, ки дар ғарби баҳри Ҷалил воқеъ гаштааст.

Баъд фариштаҳо онҳоро аз он ҳолате ки ба осмон нигоҳ карда истода буданд, баровარданд. Чаро шогирдон *истода ба осмон нигоҳ мекарданд*? Онҳоро чӣ гуна эҳсос фаро гирифта буд: андӯҳ эҳтиром ё ҳайрат? Бешубҳа, инҳо ҳиссиёти омехта буданд, агарчи андӯҳ ба ҳар ҳол бартарӣ дошт. Дар ин ҷо ба онҳо сухани тасаллобахш дода шуд: Исои ба осмон рафта бозмегардад.

Ин ҷо ба мо ваъдаи аниқи бори дуюм омадани Худованд дода шудааст, ки дар натиҷаи он Подшоҳии Ӯ дар замин барқарор мегардад. Калом на дар бораи болошавии Ҷамоат, балки дар бораи Подшоҳии Ӯ меравад.

| | |
|---|---|
| 1. Ӯ аз кӯҳи Зайтун боло рафт (о. 12). | 1. Ӯ ба кӯҳи Зайтун бармегардад (Зак. 14,4). |
| 2. Ӯ шахсан боло шуд. | 2. Ӯ шахсан бармегардад (Мал. 3,1). |
| 3. Ӯ дар пеши назарҳо боло шуд. | 3. Ӯ дар пеши назарҳо бармегардад (Мат. 24,30). |
| 4. Ӯ дар абр боло шуда буд (о. 9). | 4. Ӯ бар абрҳои осмонӣ меояд (Мат. 24,30). |
| 5. Ӯ дар шуҳрат боло шуд. | 5. Ӯ бо қудрат ва шуҳрати азим бармегардад (Мат. 24,30). |

### В. Шогирдони дуокунанда дар Уршалим интизоранд (1,12-26)

**1,12** Дар Инҷили Луқо 24,52 гуфта шудааст, ки шогирдон бо шодии бузурге ба Уршалим баргаштанд. Нури муҳаббати илоҳӣ дили онҳоро ба шавқ овард ва бо вуҷуди ғаму андӯҳи зиёди фарогирифта рӯяшон пурнур гашт.

Онҳо масофаи на он қадар зиёдро тай карданд – тақрибан як километр, ки Уршалимро *аз кӯҳи Зайтун* ҷудо мекард, – ба водии Қидрӯн фаромаданд ва баъд ба шаҳр баромаданд. Дар он вақт ин масофаи зиёдтарине буд, ки яҳудӣ дар рӯзи *шанбе* тай карда метавонист.

**1,13** Ба шаҳр баргашта онҳо ба *болохонае баромаданд* ва дар он ҷо буданд.

Дар ин оят Рӯҳи Худо бори чорум ва охирин шогирдонро як-як номбар мекунад (Мат. 10,2-4; Марқ. 3,16-19; Луқ. 6,14-16). Вале дар ин ҷо як ном гуфта нашуд: Яҳудои Исқарютӣ дигар дар рӯйхат номбар намешавад. Хиёнаткор ҷазои ҳаққонӣ гирифт.

**1,14** Якҷоя ҷамъ шуда шогирдон *якдилона* амал мекарданд. Ин калима, ки дар китоби Аъмол ёздаҳ маротиба вомехӯрад – яке аз калидҳоест, ки сирри баракатро мекушояд. Дар ҷое ки имондорон якҷоя дар ягонагӣ

ҳамнишин мебошанд, Худо баракати Худро васият кардааст – «ҳаёт то абад» (Заб. 132).

Калиди дуввум – дар калимаҳои *«ба дуо машғул буданд»*.

Чунон ки Худо дар он замон амал менамуд, ҳоло ҳам Ӯ ҳангоми дуо гуфтани одамон амал мекунад. Одатан мо назар ба дуогӯӣ бо дигар корҳо бештар машғул мебошем. Вале мо ҳамон вақте ки дар назди Худо бо субот, бешитоб, пур аз имон ва якдилона дуо мехонем, – фақат ҳамон вақт қувваи ҳаётбахш, қувватдиҳандаи қудрати Рӯҳулқудс ато карда мешавад.

Бе муҳобот гуфтан мумкин аст, ки ягонагӣ ва дуогӯӣ ба Пантикост муқаддима гардидааст.

Якҷоя бо шогирдон якчанд *занони* номбарнашуда буданд (эҳтимол, онҳое ки аз паси Исо мерафтанд), инчунин *Марям, модари Исо ва бародарони Ӯ*. Ин ҷо якчанд лаҳзаҳои ҷолиби диққатро зикр кардан лозим аст:

1. Ин охирин номбаркунии Марям дар Аҳди Нав – бешубҳа, «эътирози хомӯшона бар зидди парастиши Марям» мебошад. Шогирдон *бо* ӯ якҷоя дуо мекарданд, на *ба* ӯ. Ӯ якҷоя бо онҳо атои Рӯҳулқудсро интизор буд.
2. Марям *модари Исо* номида шудааст, на модари Худо. Исо номи Худованди мо дар таҷассуми Ӯ ҳамчун одам аст. Азбаски чун одам Ӯ аз *Марям* зода шудааст, ӯ бо тамоми асос модари Исо номида мешавад. Лекин дар ягон ҷои Навиштаи Муқаддас ӯ «модари Худо» номида нашудааст. Ҳарчанд Исои Масеҳ Худои ҳақиқӣ мебошад, аз нуқтаи назари илоҳиётшиносӣ Худо модар дорад гуфтан нодуруст ва бемаънист. Ҳамчун Худо, Ӯ ҳамеша вуҷуд дошт.
3. Зикри бародарони Исо баъд аз Марям, эҳтимол, ба он ишорат мекунад, ки ин ҷо сухан дар бораи писарони Марям ва бародарони угайи Исо меравад. Боз дигар оятҳо ҳастанд, ки инчунин ақидаи баъзеҳоро оид ба он, ки Марям бокира монда буд ва пас аз Исо дигар фарзанд надошт, инкор мекунад (ниг. Мас. Мат. 12,46; Марқ. 6,3; Юҳ. 7,3.5; 1Қур. 9,5; Ғал. 1,19; инчунин Заб. 68,9).

**1,15** Боре, ҳангоме ки *тақрибан саду бист нафар шогирдон* якҷоя ҷамъ шуданд, Петрус ба онҳо дар бораи оятҳои Аҳди Қадим хотиррасон кард, ки дар онҳо дар бораи оне гуфта шудааст, ки Масеҳро таслим мекунад.

**1,16-17** Дар аввал Петрус зикр кард, ки баъзе пешгӯиҳои навиштаи *Довуд* дар бораи *Яҳудо бояд иҷро мешуданд.* Вале пеш аз он ки аз ин ҷойҳои Навиштаи Муқаддас иқтибос оварад, ӯ хотиррасон кард, ки ҳарчанд Яҳудо яке аз дувоздаҳ нафар буд ва бо онҳо хизмати расулонро бо ҳам медид, бо вуҷуди ин вай *роҳнамои онҳое буд, ки Исоро дастгир карданд.* Диққат диҳед, ки Петрус ин рафтори разилонаро бо чӣ гуна тамкин тасвир менамояд. Яҳудо бо ихтиёри худ хиёнаткор гашт ва ҳамин тавр пешгӯиро дар бораи он ки кӣ Худованди Ӯро ба душманон дастгир карда медиҳад, ба ҷо овард.

**1,18-19** Ин ду оят ҳамчун эзоҳи Луқо тафсир карда мешаванд, на чун як қисми нутқи Петрус. Онҳо ҳақиқати таърихиро оид ба Яҳудо ва марги ӯ пурра мекунанд ва ҳамин тавр таъйин шудани ҷонишини ӯро асоснок мекунанд.

Тасвири марги Яҳудо, ки дар ин ҷо оварда шудааст, ба маълумоти дар Матто 27,3-10 додашуда мухолифат намекунад. Матто тасдиқ мекунад, ки Яҳудо сӣ сиккаи нуқраро ба саркоҳинон ва пирон гардонда дод, баромада рафт ва худро овехта кушт. Баъд саркоҳинон сиккаҳои нуқраро гирифта ба ин пул заминро барои қабристон хариданд.

Дар ин ҷо, дар китоби Аъмол, Луқо мегӯяд, ки Яҳудо ба музди бадкирдории худ *киштзоре харид* ва бар он рӯйнокӣ афтода, *шикамаш кафид ва тамоми рӯдаҳояш берун шуданд.*

Ин ду ҳикояро якҷоя муқоиса карда мо хулоса карда метавонем, ки доду гирифти заминро дар ҳақиқат саркоҳинон ба ҷо овардаанд. Воқеан Яҳудо ин заминро харид ба он маъно, ки ин кор бо пули ӯ карда шуда буд ва саркоҳинон дар ин ҷо ҳамчун намояндагони ӯ амал мекарданд. Вай дар дарахти қабристон худашро овехта кушт, вале эҳтимол, банд канда шуд, ҷасад афтод ва аз зарба *шиками ӯ кафид.*

Вақте ки дар бораи ин ҳодиса дар *Уршалим* маълум гардид, «замини кулол» *Ҳақалдамо яъне, «Киштзори хунин»*, ё «киштзори хун» номида шуд (ба забони арамӣ).

**1,20** Баъд аз шарҳи Луқо нутқи Петрус давом мекунад. Пеш аз ҳама ӯ шарҳ медиҳад, ки дар Забур 68,26 Довуд маҳз дар бораи

таслимкунандаи Исо *«Манзили вай хароб гардад ва касе дар он сокин нашавад»* гуфта буд.[3]

Пас аз он ба пешгӯии дигар мегузарад, ки дар ҳамон лаҳза бояд иҷро мешуд: *«Ҷоҳу ҷалоли варо дигаре бигирад»* (Заб. 108,8). Расул Петрус инро чунин фаҳмид, ки пас аз хиёнати Яҳудо бояд одаме интихоб карда шавад, ки ҷои ӯро мегирад. Хоҳиши ба Каломи Худо итоат кардан доштани ӯ хеле хуш аст.

**1,21-22** Баргузида бояд ба ду талабот ҷавоб диҳад:

1. Ӯ аз касоне бояд бошад, ки бо шогирдон дар давоми се соли хизмати Исои Худованд *ҳамроҳ буданд* – аз *таъмиди Яҳё* то болошавии Ӯ.
2. Ӯ бояд дар бораи *эҳё* шудани Худованд *шаҳодати* боваринок *дода* тавонад.

**1,23-26** Номи ду нафар пешниҳод карда шуд, ки ба талаботҳои гуфташуда мувофиқат мекарданд, – *Юсуф* ... ки *лақабаш Юстус буд,* ва *Матёс*. Вале кадом якеро бояд интихоб кард? Расулон ҳалли инро ба Худо ҳавола карда хоҳиш намуданд, ки Ӯ интихоби Худро маълум созад. Баъд онҳо *қуръае* барои онҳо *партофтанд* ва қуръа ба номи *Матёс* баромад, ҳамчун ҷонишини Яҳудо, ки ба *макони худ* рафтааст (яъне ба заволи абадулобод).

Дар ин ҷо ногузир ду савол ба миён меояд:

1. Оё расулон дар интихоби *Матёс* ҳақ буданд? Оё лозим набуд, то онҳо интизори он шаванд, ки Худо расул Павлусро даъват кунад, то ки ҷои холишударо ба ӯ диҳад?
2. Барои ҳукми Худоро фаҳмидан оё қуръа партофтанашон лозим буд?

Агар гап дар бораи саволи аввал равад, дар нақл ҳеҷ чизе нест, ки ба нодуруст будани амали шогирдон ишора кунад. Онҳо вақти зиёдро дар дуогӯӣ мегузарониданд; онҳо ҷидду ҷаҳд мекарданд ба Навиштаи Муқаддас итоат кунанд ва аз афти кор дар интихоби ҷонишини Яҳудо якдил буданд. Зиёда аз он, вазифаи Павлус аз хизмати дувоздаҳ нафар хеле фарқ мекард ва асосе нест, то тахмин кунем, ки ӯ ягон вақт Яҳудоро иваз кардан мехост. Исо ҳангоми дар замин буданаш ба дувоздаҳ расул вазифаи дар байни яҳудиён мавъиза карданро вогузошт, аммо Павлусро Исои ҷалолёфта даъват карда, ӯро ба назди ғайрияҳудиён фиристода буд.

Агар гап дар бораи қуръа равад, ин шакли донистани ҳукми Худо дар Аҳди Қадим эътироф шуда буд: «Қуръа дар доман партофта мешавад, вале ҳар натиҷаи он аз Худованд аст» (Мас. 16,33).

Шубҳае нест, ки интихоби Матёс бо ёрии қуръа аз тарафи Худо маъқул дониста шудааст, зеро аз ҳамин вақт инҷониб дар бораи расулон ҳамчун «дувоздаҳ нафар» гуфта мешавад (ниг. Аъм. 6,2).

---

## ДУО ДАР КИТОБИ АЪМОЛ

Китоби Аъмол китобе оид ба дуои бомуваффақият аст. Аллакай дар боби 1 мо мебинем, ки шогирдон дар ду вазъияти гуногун чӣ тавр дуо мекунанд. Ҷавоб ба дуои онҳо дар болохона баъд аз болоравии Худованд Пантикост буд. Вақте ки онҳо дуо карда, аз Худо хоҳиш менамуданд, ки ба онҳо дар интихоби шахсе ба ҷои Яҳудо роҳбарӣ намояд, Худо бо қуръаи ба номи Матёс баромада ҷавоб дод. Ва дар давоми ҳамаи китоб чунин мешавад.

Ононе ки дар рӯзи Пантикост имон оварда буданд, муттасил дар дуо буданд (2,42). Оятҳои баъдина (43-47) муҳити рӯҳонии идеалиро, ки дар ин ягонагии дуогӯӣ ҳукмфармо буд, тасвир менамоянд.

Баъди озод шудани Петрус ва Яҳё имондорон дар бораи ҷасорат дуо мекарданд (4,29). Дар натиҷа маконе ки дар он ҷамъ шуда буданд, ба ҷунбиш омад ва ҳама аз Рӯҳулқудс пур шуданд ва Каломи Худоро далерона мегуфтанд (4,31).

Дувоздаҳ расул пешниҳод карданд, ки ҳафт одам барои идора кардани корҳои молиявӣ интихоб карда шаванд, то ки расулон ҳамаи вақти худро ба дуо ва ба хизмати Каломи Худо бахшида тавонанд (6,3.4). Сипас расулон дуо гуфтанд ва даст бар сари ҳафт мард монданд (6,6). Оятҳои баъдина дар бораи ғалабаҳои нави ҳайратангези Хушхабар шаҳодат медиҳанд (6,7.8).

Истефанус пеш аз марги пуразоби худ дуо гуфт (7,60). Дар боби 9 ба ин дуо ҷавоб гуфта шудааст – имон овардани яке аз шоҳидони қатл, Шоули тарсусӣ.

Петрус ва Юҳанно дар бораи имондорони сомарӣ дуо гуфтанд, ки дар

натиҷа онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд (8,15-17).

Баъди имон оварданаш Шоули тарсусӣ дар хонаи Яҳудо дуо мегуфт; Худо ба ин дуо ҷавоб дод ва ба назди ӯ Ҳанониёро фиристод (9,11-17).

Петрус дар Ёфо дуо гуфт ва духтаре бо номи Тобито зинда шуд (9,40). Дар натиҷа бисёр касон ба Худованд имон оварданд (9,42).

Ғайрияҳудӣ – мирисад Корнилюс низ дуо мегуфт (10,2) ва дуоҳои ӯ дар ҳузури Худо зикр ёфтанд (10,4). Вай фариштаи Худоро дар рӯъё дид ва ӯ гуфт, ки Шимъуни Петрусро даъват намо (10,5). Фардои он, вақте ки Петрус дуо мегуфт (10,9), Худо ба дуои ӯ ҷавоб дода рӯъё фиристод, ки ӯро ба кушодани дарҳои Подшоҳӣ барои Корнилюс ва дигар ғайрияҳудиён тайёр намуд (10,10-48).

Вақте ки Петрус дар зиндон буд, масеҳиён барои ӯ бо ҷидду ҷаҳд дуо мегуфтанд (12,5). Худо дар ҷавоб дуогӯёнро ба ҳайрат оварда, ба тарзи муъҷизакорона ӯро аз зиндон халос кард (12,6-17).

Пайғамбарон ва муаллимон дар Антокия ба ибодат ва рӯзадорӣ машғул буданд (13,3). Ин ибтидои аввалин сафари миссионерии Петрус ва Барнаббо гашт. Ин таъсири аз ҳама пурқудрати дуогӯӣ ба ҳисоб меравад, ки ягон вақт мушоҳида шуда буд, чунки ин ба воситаи миссионерон Павлус ва Барнаббо то ақсои олам, ва ҳатто ба назди мо расид.

Дар роҳи бозгашт дар Лустра, Қуния ва Антокия Павлус ва Барнаббо дар бораи онҳое ки имон овардаанд, дуо мегуфтанд (14,23). Яке аз имондорон Тимотиюс буд. Магар ба сафари дуюми миссионерии Павлус ва Сило ҳамроҳ шудани Тимотиюс ҷавоб ба ин дуогӯиҳо набуд?

Дар зиндон дар Филиппӣ, вақте ки қарибии нисфи шаб Павлус ва Сило дуо мегуфтанд, Худо ба дуои онҳо бо заминҷунбӣ ва ба масеҳият рӯ овардани зиндонбон ва аҳли хонаводаи вай ҷавоб дод (16,25-34).

Павлус ҳамроҳи пирони ҷамоати Эфесус дар Милитус дуо гуфт (20,36) Ин ифодаи ҳаяҷоновари муҳаббати онҳо ба ӯ буд ва андӯҳи онҳо барои он, ки дигар ҳеҷ гоҳ ӯро дар ин дунё намебинанд.

Масеҳиён дар Сур ҳамроҳи Павлус дар соҳил дуо гуфтанд (21,5), ва бешубҳа, ин дуоҳо дар худи Рум ва то қатли ӯ бо ӯ буданд.

Пеш аз шикасти киштӣ Павлус дар ҳузури ҳама дуо гуфта барои хӯрок ба Худо шукргузорӣ кард. Ин маллоҳон ва мусофирони маъюсгаштаро рӯҳбаланд кард (27,35-36).

Дар ҷазираи Малит (ҳозира Малта) Павлус барои падари бемори сардори ҷазира дуо мегуфт. Дар натиҷа бемор ба таври муъҷизаосо шифо ёфт (28,8).

Аз ин маълум мегардад, ки ибодат ҳамон муҳити зисти Ҷамоат дар аввали пайдоиши масеҳият буд. Ва ҳангоме ки масеҳиён дуо мекарданд, Худо амал мекард!

---

### Г. Рӯзи Пантикост ва ба вуҷуд омадани Ҷамоат (2,1-47)

**2,1** Иди *Пантикост,* рамзи фуруд омадани Рӯҳулқудс, баъд аз панҷоҳ рӯзи иди навбарҳо, ки тимсоли растохези Исо буд, ҷашн гирифта мешуд. Маҳз дар ҳамин *рӯзи Пантикост* шогирдон якдилона бо ҳам буданд. Мумкин аст, мавзуи суҳбати онҳо порчаҳо аз Аҳди Қадим буд, ки дар он сухан дар бораи иди Пантикост мерафт (мас. Иб. 23,15.16). Ё ин ки онҳо Забур 132-ро месуруданд: «Инак, чӣ хуш аст ва чӣ дилпазир, ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд!»

**2,2** Фуруд омадани Рӯҳ шунидашаванда, дидашаванда ва бо муъҷиза якҷоя буд. *Ғулғулае ки аз осмон* баромад ва *тамоми хонаро пур кард,* ба *тундбоди сахт* монанд буд. *Бод* чун ҷавҳари газмонанд ва ҳаракаткунанда рамзи Рӯҳулқудс (дар қатори равған, оташ ва об) аст, ки таҷассумкунандаи олии хислати соҳибихтиёр ва пешгӯинашавандаи ҳаракати Ӯ мебошад.

**2,3** Дидан мумкин буд, ки *забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ* ба онҳо зоҳир шуда, *якто-якто бар ҳар яке аз шогирдон қарор* гирифтанд. Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки онҳо забонаҳои оташ буданд, онҳо *мисли* забонаҳои оташ буданд.

Ин зуҳуротро бо таъмид бо оташ омехта кардан мумкин нест. Ҳарчанд доир ба таъмид бо Рӯҳ ва таъмид бо оташ дар як оят гуфта шудааст (Мат. 3,11.12; Луқ. 3,16.17), ин ду ҳодиса алоҳида ва аз ҳам фарқкунанда мебошанд. Аввалӣ – таъмиди баракат, дуюмӣ – таъмиди доварӣ. Аввалӣ ба имондорон дахл дошт,

дуюмӣ – ба беимонон. Ба воситаи аввалӣ Рӯҳулқудс дар имондорон ҷойгир гашт ва ҷамоатро таъсис намуда, онҳоро қавӣ гардонд. Ба воситаи дуюмӣ беимонон нест карда мешаванд.

Вақте ки Яҳёи Таъмиддиҳанда ба издиҳоми омехта муроҷиат мекард (дар ин ҷо ҳам тавбакунандагон ва ҳам гунаҳгорони барои тавба тайёр набуда ҳозир буданд, ниг. Мат. 3,6.7), ӯ гуфт, ки Исо онҳоро бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид медиҳад (Мат. 3,11). Аммо вақте ки ӯ бо онҳое гап мезад, ки дар ҳақиқат тавба кардаанд (Марқ. 1,5), ӯ гуфт, ки Исо онҳоро бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳад дод (Марқ. 1,8).

Пас дар Аъмол 2,3 забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ чиро ифода мекарданд? *Забонаҳо,* бешубҳа, рамзи нутқ мебошанд ва эҳтимол, бо дигар забонҳо гап задан атои муъҷизаосоест, ки расулон бояд дар он вақт қабул мекарданд. *Оташ,* эҳтимол, Рӯҳулқудсро таҷассум менамояд, ҳамчун сарчашмаи ин ато, ва низ метавонад фаъолияти мавъизагии далерона, гарму ҷӯшон, пуршавқу завқро, ки баъд аз ин ҳодиса ба амал меояд, ифода намояд.

Тахмин оид ба ғайрат дар ин ҷо махсусан мувофиқ менамояд, зеро ки шавқу завқ доштан – ҳолати муқаррарии шахсе мебошад, ки ҳаёташ аз Рӯҳулқудс пур аст, ва шаҳодат натиҷаи ногузири ин ҳолат аст.

**2,4** Муъҷизаи дар рӯзи Пантикост рӯйдода аз *Рӯҳулқудс* пур шудан буд, ки баъд аз он шогирдон *ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шуруъ карданд.* То ин вақт Рӯҳулқудс бо шогирдон буд, аз ин лаҳза сар карда Ӯ дар онҳо мебошад (Юҳ. 14,17). Ин оят марҳилаи муҳими дигаргунии қатъиро дар муносибати дутарафаи Рӯҳулқудс ва одамон қайд мекунад. Дар Аҳди Қадим Рӯҳ ба одамон фуруд меомад, аммо фақат ба як муддати кӯтоҳ (Заб. 50,13). Аз рӯзи Пантикост Рӯҳи Худо ҳамеша дар одамон аст: Ӯ омад ва то ба охир бо онҳо мемонад (Юҳ. 14,16).

Дар рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс на танҳо дар имондорон ҷойгир шуд, балки онҳоро пур кард. Рӯҳи Худо аз лаҳзаи наҷот дар мост, вале барои аз Рӯҳ пур шудан мо бояд Каломи Худоро омӯзем, дар бораи он мулоҳиза ронем, ибодат намоем ва дар итоат ба Худо зиндагӣ кунем[4] Агар имрӯз аз Рӯҳ пур шудан худ ба худ кафолат дода мешуд, пас Навиштаи Муқаддас моро даъват намекард, ки: «Аз Рӯҳ пур шавед» (Эфс. 5,18).

Фуруд омадани Рӯҳулқудс дар рӯзи Пантикост ҳамчунин имондоронро дар Ҷамоат, Бадани Исо муттаҳид намуд.

«Зеро ки ҳамаи мо – хоҳ яҳудиён, хоҳ юнониён, хоҳ ғуломон, хоҳ озодон – бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан таъмид ёфтаем, ва ҳама аз як Рӯҳ нӯшонида шудаем» (1Қур. 12,13). Аз ҳамин вақт сар карда, имондорон – яҳудиён ва ғайрияҳудиён – дар Исои Масеҳ бояд як одами нав мешуданд ва қисмҳои як Бадан мегардиданд (Эфс. 2,11-22).

Шогирдон *аз Рӯҳ пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати гап задан бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан сар карданд.* Аз оятҳои зерин маълум мегардад, ки ба онҳо қобилияти муъҷизаосои ба забонҳои хориҷии ҳамзамонашон гап задан дода шуда буд, ки ҳеҷ гоҳ пеш аз ин наомӯхта буданд. Инҳо нидоҳои бемаънии ҷунунӣ набуданд, балки забонҳои муайяне буданд, ки дар дигар қисмҳои дунё бо он гап мезаданд. Ин атои *забонҳо* яке аз аломатҳои муъҷизаосое буд, ки Худо барои тасдиқи ҳаққонияти он чи расулон мавъиза мекарданд, истифода бурдааст (Ибр. 2,3.4). Дар он вақт Аҳди Нав ҳоло навишта нашуда буд. Ҳоло бошад, вақте ки Каломи Худо ба шакли хаттӣ дастрас аст, эҳтиёҷ ба аломатҳо асосан аз байн рафтааст (агарчи, бешубҳа, Рӯҳулқудси пуриқтидор мисли пешина метавонад онҳоро истифода барад, агар Ӯ ихтиёр кунад).

Зуҳури атои *забонҳоро* дар рӯзи Пантикост ҳамчун тасдиқи он, ки *забонҳо* ҳамеша бо қобилияти Рӯҳ ҳамроҳ буданд, истифода бурдан лозим нест. Агар ин чунин мебуд, пас чаро забонҳо дар алоқамандӣ бо мавридҳои зерин номбар намешаванд:

1. Имон овардани се ҳазор нафар (Аъм. 2,41);
2. Имон овардани панҷ ҳазор нафар (Аъм. 4,4);
3. Рӯҳулқудсро қабул кардани сомариён (Аъм. 8,17)?

Аслан танҳо боз дар ду мавридд дар китоби Аъмол дар бораи атои *забонҳо* зикр карда мешавад:

1. Дар вақти имон овардани ғайрияҳудиён аз хонаи Корнилюс (Аъм. 10,46).
2. Дар вақти дубора таъмид додани шогирдони Яҳё дар Эфесус (Аъм. 19,6).

Пеш аз он ки ба ояти 5 гузарем, мо бояд зикр намоем, ки дар байни илоҳиётшиносон ихтилофоти зиёде оид ба таъмид бо Рӯҳулқудс вуҷуд дорад: оид ба миқдори ҳодисаҳое ки онҳо рӯй дода буданд, инчунин оид ба оқибатҳое ки аз он сарчашма мегиранд.

Агар сухан дар бораи такроршавандагии адади таъмид бо Рӯҳ равад, дар ин ҷо чунин нуқтаҳои назар ҳастанд:

1. Он танҳо як бор рӯй дод – дар рӯзи Пантикост. Дар ҳамон вақт Бадани Масеҳ ташкил ёфт, ва аз ҳамон вақт имондорон ба атои таъмид ҳамроҳ мешаванд.
2. Он дар се ё чор давра ба амал меомад: дар рӯзи Пантикост (б. 2), дар Сомара (б. 8), дар хонаи Корнилюс (б. 10) ва дар Эфесус (б. 19).
3. Он ҳар дафъа дар лаҳзаи наҷотёбии ҳар як шахси алоҳида рӯй медиҳад.

Агар сухан дар бораи таъсири ин таъмиди масеҳӣ ба ҳаёти одамон равад, баъзе илоҳиётшиносон инро «фурӯ рехтани дуюм»-и файз меҳисобанд, ки одатан баъд аз имон овардан ба вуҷуд меояд ва то андозае ба покшавии пурра меорад. Ин нуқтаи назар дар Навиштаи Муқаддас тасдиқ намешавад. Чунон ки гуфта гузаштем, ба воситаи таъмиди масеҳӣ бо Рӯҳулқудс имондорон:

1. ба Ҷамоат қабул карда шуданд (1Қур. 12,13);
2. қувват ёфтанд (Аъм. 1,8).

**2,5-13** Дар Ӯршалим дар иди Пантикост *яҳудиён, одамони худотарс* аз тамоми ҷаҳоне ки он вақт маълум буд, ҷамъ омаданд. Чӣ ҳодиса рӯй доданашро шунида, онҳо дар назди хонае ки расулон дар он буданд, ҷамъ омаданд. Амалҳои Рӯҳи Худо ҳам дар он вақт ва ҳам ҳозир одамонро ба худ ҷалб мекард.

Ҳангоме ки *мардум* ба хона наздик шуда буданд, расулон ба забонҳои гуногун гап мезаданд. Омадагон хеле ҳайрон шуданд, вақте шуниданд, ки ин шогирдони ҷалилӣ ба забонҳои гуногуни хориҷӣ гап мезаданд. Воқеан муъҷиза бо онҳое рӯй дод, ки гап мезаданд, на бо онҳое ки мешуниданд. Шунавандагон ҳар касе ки бошанд – яҳудизодагон ё онҳое ки ба дини яҳудӣ рӯ овардаанд, зодагони шарқ ё ғарб, шимол ё ҷануб, – ҳар кадоми онҳо ҳикояро дар бораи *корҳои бузурги Худо ба забонҳои худашон* шуниданд. Калимаи юнонии дар оятҳои 6 ва 8 истифодашудаи «диалектос», ки дар ин ҷо «забон» тарҷума шудааст, калимаи ҳозираи «диалект»-ро (бо маънои «шева, лаҳҷа») ба вуҷуд овард.

Ақидае васеъ паҳн шудааст, ки яке аз ҳадафҳои атои забонҳо дар Пантикост – дар як вақт мавъиза кардани Хушхабар ба одамоне буд, ки бо забонҳои хориҷӣ гап мезаданд. Масалан, як муаллиф менависад: «Худо шариати Худро ба *як* халқ ва бо *як* забон дод, вале Хушхабарро Ӯ ба *ҳамаи* халқҳо ба *ҳамаи* забонҳо ато кард».

Вале аз ин матн чунин барнамеояд. Ба забонҳои гуногун гап занандагон дар бораи *корҳои бузурги Худо* нақл мекарданд (2,11). Ин аломат ба халқи Исроил буд (1Қур. 14,21.22), ки ҳадафаш – ҳайрат ва шавқу завқро ба вуҷуд овардан буд. Петрус бошад, баръакс, Хушхабарро ба забоне мавъиза мекард, ки агар ҳама нафаҳманд ҳам, аксарияти шунавандагон мефаҳмиданд.

Шоҳидон ба таври гуногун ба атои муъҷизаосои забон эътибор медоданд. Чунин менамуд, ки баъзеҳоро он хеле ба худ ҷалб кард, дигарон расулонро ба он гунаҳгор мекарданд, ки онҳо *майи* нав нӯшидаанд. Расулон дар ҳақиқат дар зери таъсири қувваи беруна буданд, вале ин таъсири Рӯҳулқудс буд, на шароб!

Одамони рӯҳан аз нав зоданашуда майл доранд, ки ҳодисаҳои рӯҳониро чун сабабҳои табиӣ шарҳ диҳанд. Боре, вақте ки аз осмон садои Худо шунида шуд, баъзеҳо гуфтанд, ки раъд ғуррид (Юҳ. 12,28.29). Акнун беимонон бо тамасхур он табъи хуши расулонро, ки баъд аз фуруд омадани Рӯҳ буд, чун таъсири *май* шарҳ медоданд. «Одамон, – мегуфт Шиллер, – доғ ёфтан дар офтоб ва низ ба поён, ба ифлосӣ кашидани шахсони аз худашон боло бударо дӯст медоранд».

**2,14** Расуле ки як вақтҳо савганд хӯрда Худоро инкор карда буд, акнун ба пеш баромада ба издиҳом муроҷиат мекунад. Ӯ акнун шогирди беҷуръат ва дудила нест, ӯ ба мисли шер пурқувват аст. Пантикост ӯро тағйир дод. *Петрус* акнун пур аз Рӯҳ аст.

Дар Қайсарияи Филиппус Худованд супурдани калидҳои Подшоҳии Осмонро ба Петрус ваъда дод (Мат. 16,19). Дар ин ҷо, дар Аъмол 2, мо мебинем, ки чӣ тавр ӯ бо ин калидҳо ба яҳудиён дарро мекушояд (ояти 14), инчунин, баъдтар, дар боби 10, ӯ онро ба ғайрияҳудиён мекушояд.

**2,15** Пеш аз ҳама расул мефаҳмонад, ки ҳодисаҳои ғайриодии ҳаминрӯза натиҷаи таъсири майи нав набуданд. Соат танҳо нӯҳи саҳар буд, ва хеле ғайриодӣ мебуд, агар ҳамин қадар одами зиёд ин қадар барвақт *маст* мешуданд. Илова бар ин яҳудиёне ки дар хизмати идонаи куништ иштирок доштанд, то соати 10-и саҳар ё ин ки то нисфирӯзӣ, вобаста ба он ки кай қурбонии рӯзона оварда шуда буд, аз хӯрок ва об парҳез мекарданд.

**2,16-19** Шарҳи ҳақиқии ҳодисаи рухдода фуруд омадани Рӯҳулқудс буд, ки *аз тарафи* пайғамбар *Юил* пешгӯӣ шуда буд (Юил 2,28 ва пас аз он).

Дар асл ҳодисаҳои рӯзи Пантикост иҷрошавии пурраи пешгӯии Юил набуданд. Қисми зиёди ҳодисаҳои дар оятҳои 17-20 тасвирёфта дар он лаҳза ба вуқуъ наомад. Вале тасодуфи рӯйдоди рӯзи Пантикост чашидани пешакии он чизҳое буд, ки *дар рӯзҳои охирин,* пеш аз *рӯзи азиму пуршукӯҳи Худованд* ба вуқуъ мепайвандад. Агар рӯзи Пантикост иҷроиши пешгӯии Юил бошад, чаро баъдтар (3,19) ваъда дода мешавад, ки дар сурати тавбаи умумихалқӣ, агар халқи Исроил Онеро ки ба салиб кашида буд, қабул намояд, Исо бармегардад ва рӯзи Худованд фаро мерасад?

Иқтибос аз Юил намунаи амали «қонуни истиноди дубора» аст, ки мувофиқи он ҳар кадом пешгӯии Навиштаи Муқаддас аввал қисман ва баъдтар комилан иҷро мешавад.

Рӯҳи Худо дар рӯзи Пантикост фурӯ рехт, вале на ба *тамоми башар.* Иҷроиши охирини пайғамбарӣ дар охири Мусибати Бузург ба амал меояд. Пеш аз бо ҷалоли азим омадани Исо *муъҷизаҳо* дар осмон ва *аломатҳо* дар замин мешавад (Мат. 24,29.30). Он вақт Худованд Исои Масеҳ ба замин меояд, то ин ки душманони Худро нест намояд ва Подшоҳии Худро барқарор кунад. Дар аввали ҳукмронии ҳазорсолаи Ӯ Рӯҳи Худо *ба тамоми башар* фурӯ мерезад, ҳам ба халқҳо ва ҳам ба яҳудиён, ва чунин ҳолат аксаран дар тамоми Подшоҳии Ҳазорсола давом мекунад. Зуҳуроти гуногуни Рӯҳ ба одамон новобаста ба ҷинс, синну сол, аҳволи иҷтимоии онҳо ато карда мешаванд. *Рӯъёҳо* ва *хобҳое* хоҳанд буд, ки дониш медиҳанд, ва пайғамбариҳое ки онро ба дигарон мерасонанд. Ҳамин тарз атоҳои ваҳй ва пайғамбарӣ зоҳир мешаванд. Ҳамаи ин дар вақте рӯй медиҳад, ки Юил *рӯзҳои охирин* номидааст (ояти 17). Албатта, рӯзҳои охирини Исроил дар назар дошта шудаанд, на ин ки Ҷамоат.

**2,20** Дар ин ҷо возеҳ гуфта шудааст, ки аломатҳои фавқуттабиӣ дар осмон *пеш аз он ки рӯзи азиму пуршукӯҳи Худованд фаро мерасад,* ба вуқуъ меоянд. Дар ин матн ибораи *«рӯзи Худованд»* шахсан ба замин баргаштани Ӯ барои нест кардани душманони Худ ва барои дар қудрат ва шукӯҳи бузург ба тахт нишастан мебошад.

**2,21** Петрус иқтибосро аз Юил бо ваъдае ба охир мерасонад, ки *ҳар кӣ номи Худовандро хонад, наҷот меёбад.* Он ҳақиқат, ки наҷот ба ҳар як одам ба шарти ба Худо бовар карданаш дода мешавад – Хушхабар барои ҳамаи давраҳост. *Номи Худованд* – мафҳуми фарогирандаи ҳамаи он чизест, ки Худоро ифода мекунад. Ҳамин тавр, *номи Ӯро хондан* – ҳақиқатан имон оварда, Ӯро ҳамчун роҳи ягонаи наҷот даъват кардан аст.

**2,22-24** Пас, Худо кист? Баъдтар Петрус пайғоми ҳайратангезеро дар бораи он хабар медиҳад, ки Исое ки онҳо ба салиб кашида буданд, ҳам Худованд ва ҳам Масеҳ мебошад. Дар аввал ӯ дар бораи зиндагонии Исо, марги Ӯ, растохез ва болошавӣ ва баъд дар тарафи дасти рости Худо, Падари Ӯ ҷалол ёфтани Ӯ нақл мекунад. Агар то ба ин дам ягон тасаввури ғалат дар бораи он ки *Исо* то ба ҳол дар қабр аст, дошта бошанд, Петрус ба зудӣ иштибоҳи онҳоро барҳам мезанад. Онҳо бояд шунаванд, ки Оне ки онҳо кушта буданд, дар осмон аст ва онҳо дар назди Ӯ ҷавоб хоҳанд дод.

Ана далелҳои расул. Муъҷизоти зиёде шаҳодат медиҳанд, ки *Исои Носирӣ Марде буд аз ҷониби Худо.* Ӯ ин *муъҷизаҳоро* бо қувваи *Худо* ба амал меовард (ояти 22). Худо бо ҳукми Худ ва пешбинии Худ Ӯро ба дасти халқи Исроил супурд. Онҳо бошанд, дар навбати худ, Ӯро ба ғайрияҳудиён (шариатро намедонистагон) супурданд, ки Ӯро *бар салиб мехкӯб карда, куштанд* (ояти 23). Вале *Худо аз дардҳои марг раҳонда,* Ӯро аз байни мурдагон зинда намуд. Марг наметавонист Ӯро дар асорат *нигоҳ дорад,* зеро ки:

1. Худи моҳияти Худо растохези Ӯро талаб мекард. Ӯ бегуноҳ буда, барои гунаҳгорон мурд. Худо бояд Ӯро зинда намояд ва ин шаҳодат ба он мешавад, ки Ӯ бо

қурбонии кафораткунандаи Масеҳ қаноатманд аст.

2). Пайғамбариҳои Аҳди Қадим растохези Ӯро пешгӯӣ кардаанд. Дар оятҳои оянда Петрус онро махсус қайд мекунад.

**2,25-27** Дар Забур 15 Довуд оид ба зиндагӣ, марг, растохез ва ҷалол ёфтани Худованд пешгӯӣ мекунад.

Дар бораи зиндагии Ӯ сухан ронда, *Довуд* ҳисси беинтиҳои эътимод ва боварии Онеро мерасонад, ки бо Падар дар мушоракати муттасил зиндагӣ мекунад. *Дил, забон ва ҷисм* – ҳамаи вуҷуди Ӯ пур аз хурсандӣ ва *умед* буд.

Довуд марги Ӯро *пешгӯӣ* намуда, муқаррар карда буд, ки Худо ҷони Ӯро *дар дӯзах нахоҳад* монд ва *нахоҳад гузошт,* ки Қуддуси Ӯ *нобудшавиро бинад.* Ба ибораи дигар, *ҷони* Худованд Исо аз лифофаи ҷисмонӣ ҷудо намемонад ва тани Ӯ фано намегардад. (Ин оятро барои исботи он, ки дар лаҳзаи марги Худ Худованд Исо дар каъри замин, дар «зиндон»-и рӯҳи мурдагон буд, истифода бурдан лозим нест. Рӯҳи Ӯ ба осмонҳо рафт[5] – Луқ. 23,43 – ҷисмаш бошад ба қабр монда шуд.)

**2,28** Агар сухан дар бораи растохези Худо равад, Довуд боварӣ изҳор менамояд, ки Худо ба Ӯ роҳи ҳаётро нишон медиҳад. Дар Забур 15,11 Довуд навишта буд: «Роҳи зиндагиро ба ман биёмӯз ...» Дар ин ҷо Петрус ин суханҳоро иқтибос оварда, сиғаи амриро бо замони гузашта иваз намудааст: *«Роҳи зиндагиро ба ман омӯхтаӣ»*. Албатта, ӯро Рӯҳулқудс равона мекард, чунки дар он вақт аллакай растохез ба амал омада буд.

Ҷалол ёфтани Наҷотдиҳанда, ки пас аз растохез рӯй дод, аз тарафи Довуд дар суханҳои зерин пешгӯӣ шудааст: *«Бо ҳузури Худ маро аз шодӣ пур хоҳӣ кард»,* ё, чӣ тавре ки дар Забур 15,11 гуфта шудааст: «... камоли шодиҳо ба ҳузури Туст, ва хушиҳо ба дасти рости Туст то абад».

**2,29** Петрус исрор дорад, ки *Довуд* дар бораи худаш инро гуфта наметавонист, чунки ҷисми ӯ фаноро дида буд. Дар он рӯзҳо *қабри ӯ* ба яҳудиён хуб маълум буд. Онҳо медонистанд, ки ӯ аз мурдагон барнахеста аст.

**2,30-31** Дар навиштани ин таронаи Забур *Довуд* ҳамчун *пайғамбар* баромад кардааст. Ӯ дар ёд дошт, ки Худо ваъда додааст *аз камари ӯ* якеро бархезонад ва *бар тахти ӯ* барои ҳамеша *мешинонад*. Довуд медонист, ки ин Масеҳ аст, ҳарчанд Ӯ мемирад, ҷони Ӯ *дар дунёи мурдагон намемонад* ва тани Ӯ *нобудшавиро намебинад.*

**2,32-33** Акнун Петрус пайғомеро такрор мекунад, ки шояд шунавандагони яҳудиро моту мабҳут намуд. Масеҳ, ки дар борааш *Довуд* пешгӯӣ карда буд, – *Исои* Носирист. *Худо* Ӯро аз мурдагон *бархезонд,* ки инро ҳамаи расулон тасдиқ карда метавонистанд, зеро ки онҳо шоҳиди растохези Ӯ буданд. Баъд аз растохези Худ Худованд Исо ба *дасти рости Худо боло бурда шуда* буд ва акнун чӣ тавре ки *Падар* ваъда карда буд, Рӯҳулқудсро ато кард. Чунин аст шарҳи рӯйдодҳои ғайриодӣ дар ин рӯз дар Уршалим.

**2,34-35** Боло бурда шудани Масеҳро магар *Довуд* инчунин пешгӯӣ накардааст? Дар Забур 109,1 ӯ дар бораи худаш нагуфтааст. Ӯ суханони Яҳуваро, ки ба Масеҳ равона карда шудааст, иқтибос меорад: *«Ба дасти рости Ман бинишин, то ки душманонатро зери пои Ту андозам»* (Таваҷҷуҳ намоед, ки оятҳои 33-35 он замони интизориеро, ки дар байни ҷалол ёфтани Исо ва баргаштани Ӯ барои ҷазо додани душманонаш ва барои барқарор шудани Подшоҳии Ӯ мегузарад, пешгӯӣ мекунанд.)

**2,36** Ҳамон як хабар аз нав бар яҳудиён фурӯ мерезад. ХУДО (ӮРО) ХУДОВАНД ВА МАСЕҲ ГАРДОНДААСТ, – ҲАМИН ИСОРО, КИ ШУМО БА САЛИБ КАШИДЕД (мувофиқи тартиби калимаҳо ба забони юнонӣ). Чунон ки Бенгел гуфтааст, «охири ин нутқ чун неш мехалид»: *ҲАМИН ИСОРО, ки шумо ба салиб кашидед*. Онҳо Масеҳи Худоро ба салиб кашиданд, ва фуруд омадани Рӯҳулқудс исботи он гашт, ки Исо дар осмонҳо ҷалол ёфтааст (ниг. Юҳ. 7,39).

**2,37** Қувваи фошкунандаи Рӯҳулқудс чунон таъсирбахш буд, ки шунавандагон ба ин нутқ якбора эътибор доданд. Петрусро лозим набуд, то онҳоро ба ягон чиз даъват кунад, онҳо худашон дод заданд: *«Эй бародарон, мо чӣ кунем?»* Ин савол дар зери таъсири ҳисси амиқи гуноҳ ба вуҷуд омад. Акнун онҳо фаҳмиданд, ки Худи Ҳамон Исо, ки онҳо Ӯро бераҳмона куштанд, Писари дӯстдоштаи Худо буд! Ин Исо аз мурдагон зинда шуда ва акнун дар осмонҳо ҷалол ёфтааст. Акнун гунаҳгорони куштор чӣ тавр аз ҳукм наҷот мeёбанд?

**2,38** Петрус ҷавоб дод, ки *онҳо бояд тавба кунанд ва ба номи Исои Масеҳ барои*

*бахшоиши гуноҳҳояшон таъмид гиранд.* Пеш аз ҳама онҳо бояд *тавба мекарданд* ва гуноҳи худро эътироф намуда, якҷоя бо Худо худашонро маҳкум менамуданд .

Баъд онҳо бояд *барои бахшоиши гуноҳҳояшон* таъмид *мегирифтанд.* Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин оят таълимот оид ба наҷот ба воситаи таъмидро дар бар мегирад ва одамони зиёде бо қатъият тасдиқ мекунанд, ки он маҳз ҳаминро ифода мекунад. Чунин маънидод ғалат аст, бо сабабҳои зерин:

1. Дар даҳҳо оятҳои Аҳди Нав гуфта шудааст, ки наҷот бо имон ба Худованд Исои Масеҳ ба даст оварда мешавад (мас. Юҳ. 1,12; 3,16.36; 6,47; Аъм. 16,31; Рум. 10,9). Ин шаҳодатҳои зиёд наметавонанд бо як ё ду оят инкор шаванд.
2. Ба ғоратгари ба салиб кашидашуда ваъдаи наҷот дода шуда буд, агарчи ӯ таъмид нагирифта буд (Луқ. 23,43).
3. Ягон далеле нест, ки Наҷотдиҳанда Худаш ягон касро таъмид дода бошад. Ин аҷиб метофт, агар барои наҷот таъмид додан ҳатмӣ мебуд.
4. Расул Павлус ба Худо шукргузорӣ мекунад, ки ӯ фақат баъзе қуринтиёнро таъмид додааст, ин боз ҳам аҷиб аст, агар таъмид додан қувваи наҷотдиҳанда дошта бошад (1Қур. 1,14-16).

Қобили зикр аст, ки расулон танҳо яҳудиёнро даъват менамуданд, то барои ба даст овардани бахшоиши гуноҳ таъмид гиранд (ниг. Аъм. 22,16). Ин ҳақиқат, чӣ тавре ки ба мо менамояд, – калид барои фаҳмидани ин порча мебошад. Халқи Исроил Худои ҷалолро ба салиб кашид. Яҳудиён гуфтанд: «Хуни Ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад» (Мат. 27,25). Ҳамин тариқ, халқи Исроил дар марги Масеҳ гунаҳгор шуд.

Акнун баъзе аз ин яҳудиён саҳви худро дарк намуданд. Тавба карда, онҳо эътироф карданд, ки дар назди Худо гуноҳ кардаанд. Ба Худованд Исо ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ имон оварда, онҳо аз олами боло зода шуданд ва бахшоиши гуноҳҳоро ҷовидона ба даст оварданд. Таъмид бо обро қабул карда, онҳо худро аз халқе ки Худоро ба салиб кашида буд, ҷудо мекарданд ва оид ба мансубияти худ ба халқи Ӯ арз мекарданд. Ҳамин тариқ, таъмиди масеҳӣ рамзи он мегардад, ки гуноҳи инкор кардани Исо аз тарафи онҳо (инчунин ҳамаи дигар гуноҳҳо) шуста шуд. Ин онҳоро аз заминаи яҳудӣ ҷудо намуда, масеҳӣ мегардонид. Вале таъмиди масеҳӣ онҳоро наҷот намедод. Танҳо имон ба Исо инро карда метавонист. Дигар хел таълим додан – яъне Хушхабари дигарро омӯзонидан ва барои ин ба лаънат дучор шудан аст (Ғал. 1,8.9).

Боз як маънидоди таъмидро *барои бахшоиши гуноҳҳо* Райрӣ медиҳад:

*Ин ибора ифода намекунад, ки «то ин ки гуноҳҳо бахшида шаванд», зеро ки дар ҳама ҷо дар Аҳди Нав гуноҳҳо дар натиҷаи имон овардан ба Исо, на дар натиҷаи таъмиди масеҳӣ бахшида мешаванд. Ин ҷумла «таъмид гирифтан дар натиҷаи бахшоиши гуноҳҳо»-ро ифода мекунад. Пешоянди юнонии «эис» (барои) маънои «аз сабаби, ба туфайли»-ро дорад, на танҳо дар ин ҷо, балки боз, масалан, дар порчае аз Матто 12,41, ки маънои онро танҳо чунин шарҳ додан мумкин аст: «Онҳо тавба карданд ба туфайли (барои не) мавъизаи Юнус» Барои ҳамаи онҳое ки дар назди хонаи расулон дар рӯзи Пантикост ҷамъ омада буданд, аз паси тавба бахшоиши гуноҳҳо омад, ва ба туфайли бахшоиши гуноҳҳо онҳо метавонистанд таъмид дода шаванд.*[6]

Петрус онҳоро бовар кунонд, ки агар онҳо тавба кунанд ва *таъмид* ёбанд, пас *атои Рӯҳулқудсро* мегиранд. Исрор кардан, ки ҳамон як пайдарпайӣ ҳоло ҳам ба мо мувофиқ аст, нафаҳмидани он аст, ки чӣ тавр Худо Ҷамоатро дар ибтидои мавҷудияти он роҳбарӣ мекард. Чунон ки Д. П. Баркер хуб нишон додааст, дар китоби Аъмол чор намуди ҷамоатҳои имондорон тасвир ёфтаанд, ва дар ҳар ҳолат тартиби ҳодисаҳои вобаста бо қабули Рӯҳулқудс гуногун мебошад.

Дар ин ҷо, дар Аъмол 2,38 мо дар бораи масеҳиёни яҳудӣ мехонем. Барои онҳо пайдарпайӣ чунин буд:

1. Тавба.
2. Таъмиди обӣ.
3. Қабули Рӯҳулқудс.

Дар бораи имон овардани сомариён дар Аъмол 8,14-17 нақл карда мешавад. Дар он ҷо ҳодисаҳо ба ин тартиб рӯй дода буданд:

1. Онҳо имон оварданд.
2. Онҳо дар об таъмид гирифтанд.
3. Расулон барои онҳо дуо гуфтанд.
4. Расулон дастони худро бар сари онҳо гузоштанд.

5. Ба онҳо Рӯҳулқудс фуруд омад.

Дар Аъмол 10,44-48 оид ба имон овардани ғайрияҳудиён нақл карда шудааст. Ба пайдарпайии ҳодисаҳо дар ин ҳолат диққат диҳед:

1. Имон овардан.
2. Фуруд омадани Рӯҳулқудс.
3. Таъмид дар об.

Ҷамоати намуди чоруми имондорон аз пайравони Яҳёи Таъмиддиҳанда иборат буданд (Аъм. 19,1-7):

1. Онҳо имон оварданд.
2. Онҳо дуюмбора таъмид гирифтанд.
3. Расул Павлус дастҳои худро бар сари онҳо ниҳод.
4. Рӯҳулқудс бар онҳо фуруд омад.

Оё ин чунин маъно дорад, ки дар китоби Аъмол чор роҳи наҷот тасвир ёфтааст? Албатта, не. Наҷот дар асоси имон овардан ба Худованд ба амал меомад, ба амал меояд ва ҳамеша ба амал хоҳад омад. Вале дар давраи гузариш, ки дар китоби Аъмол зикр шудааст, Худо бо хости Худ тартиби ҳодисаҳои бо қабули Рӯҳулқудс вобастаро бо сабабҳои ба Ӯ маълум, вале барои мо номаълум иваз мекунад.

Чӣ гуна нақша имрӯз барои мо қобили қабул аст? Азбаски умуман халқи Исроил Масеҳро инкор кард, яҳудиён ҳуқуқҳои махсусро, ки метавонистанд доро бошанд, аз даст доданд. Акнун Худованд аз ғайрияҳудиён халқеро ба номи Худ даъват менамояд (Аъм. 15,14). Пас, нақшаи ҳозира бо оне ки дар Аъмол 10 дода шудааст, мувофиқат мекунад:

1. Имон.
2. Фуруд омадани Рӯҳулқудс.
3. Таъмид дар об.

Мо чунин мешуморем, ки чунин тартиб ҳозир барои ҳама қобили қабул аст: ҳам ба яҳудиён ва ҳам ба халқҳо. Дар назари аввал ин фикр беасос намуданаш мумкин аст. Савол ба миён меояд: Кай тартиби ба масеҳият гаравидани яҳудиён, ки дар Аъмол 2,38 баён шудааст, бо пайдарпайии дар Аъмол 10,44-48 овардашуда иваз карда мешавад. Албатта, рӯзи муайянро гуфтан мумкин нест. Вале дар китоби Аъмол гузариши тадриҷӣ аз паҳнкунии Хушхабар асосан дар байни яҳудиён ба паҳнкунии ин таълимот дар байни халқҳо мушоҳида карда мешавад, чунки яҳудиён чандин маротиба онро инкор карда буданд. Дар охири китоби Аъмол қариб ҳамаи халқи Исроил дар бораи Хушхабар медонистанд, вале онро қабул накарданд. Аз сабаби имон наоварданашон онҳо ҳуқуқи халқи баргузидаи Худо номида шуданро аз даст доданд. Дар давоми марҳилаи Ҷамоат бо халқи яҳудӣ чун бо халқҳои ғайрияҳудӣ амал карда мешавад, бинобар ҳамин барои онҳо низ он тартиб ба кор бурда мешавад, ки аз тарафи Худо барои халқҳо муқаррар гаштааст ва дар Аъмол 10,44-48 оварда шудааст.

**2,39** Баъд Петрус ба онҳо хотиррасон менамояд, ки *ваъдаи Рӯҳулқудс барои* ҳамаи онҳо ва *фарзандони* онҳо (ба яҳудиён), *инчунин барои ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд* (ғайрияҳудиён), яъне *барои ҳар касе ки Худованд Худои мо ӯро даъват кунад.*

Худи ҳамон одамон, ки замоне гуфта буданд: «Хуни Ӯ бар мо ва фарзандони мо бошад», акнун тасдиқи марҳамати Худоро, агар ба Худованд имон оваранд, ба худ ва фарзандони худашон мегиранд.

Ин оятро аксар ин тавр нодуруст шарҳ медиҳанд, ки фарзандони падару модари имондор ягон хел бартарӣ доранд, ки бо паймон ваъда шудааст, ё наҷотро автоматӣ ба даст меоранд.

Сперҷен ба ин иштибоҳ чунин ҷавоб медиҳад:

*Магар ба имондорон маълум нест, ки «Зодаи ҷисм ҷисм аст ва зодаи Рӯҳ Рӯҳ аст»? «Магар метавонад пок аз нопок зода шавад?» Зодашавии табиӣ табиати гуноҳро дар худ дорад ва ба навзод файз дода наметавонад. Дар Аҳди Нав хотиррасон карда мешавад, ки фарзандони Худо «на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши мард, балки аз Худо» зода шудаанд.*[7]

Зикр кардан муҳим аст, ки *ваъда* на танҳо ба *«шумо ва фарзандони шумо»,* балки инчунин ба *онҳое* дахл дорад, *ки дур ҳастанд,* яъне *барои ҳар касе ки Худованд Худои мо ӯро даъват кунад.* Ин таъбир ба ибораи «ҳар касе» ки ба даъвати Хушхабар ҷавоб диҳад ҳаммаъно аст.

**2,40** Дар ин боб нутқи Петрус пурра оварда нашудааст, вале фикри асосӣ иборат аз он буд, ки яҳудиёни ӯро шунидаистода бояд *аз ин насли каҷрав,* ки Худованд Исоро рад кард ва кушт, раҳо ёбанд. Ин корро онҳо ба Исо ҳамчун ба Наҷотдиҳанда ва Масеҳи худ имон оварда ва дар пеши мардум аз хешутаборӣ бо халқи ҷинояткори яҳудӣ даст кашида, таъмиди масеҳиро қабул намуда, карда метавонистанд.

**2,41** Дар он рӯз одамони зиёде таъмид гирифтан хостанд ва ин исботи он аст, ки *онҳо бо рағбат*[8] *каломи Петрусро* ҳамчун Каломи Худо *қабул кардаанд.*

Ва дар он рӯз ба имондорон *тақрибан се ҳазор нафар ҳамроҳ шуданд.* Агар шумораи имондорон шаҳодати беҳтарини он аст, ки хизмати пур аз қувваи Рӯҳулқудс ба ҷо оварда шудааст, пас хизмати Петрус бешубҳа ҳамин гуна мебошад. Албатта, ин ҳодисаҳо суханони Худованд Исоро ба ёди моҳигири ҷалилӣ овард: «Ман шуморо сайёди мардум гардонам» (Мат. 4,19). Мумкин аст, ӯ инчунин ин суханони Наҷотдиҳандаро ба хотир овард: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, корҳоеро, ки Ман мекунам, вай низ мекунад ва ҳатто бузургтар аз он ҳам мекунад, зеро ки Ман назди Падар меравам» (Юҳ. 14,12).

Он эҳтиёткорӣ дар зикр кардани шумораи имондорон ибратомӯз аст – тақрибан се ҳазор нафар. Ҳамаи хизматгорони Худо метавонанд дар шуморидани ба ном имондорон чунин тамкин зоҳир намоянд.

**2,42** Ҳақиқӣ будани имон овардан доимо бо амал тасдиқ карда мешавад. Навимонон самимияти имони худро бо он исбот мекунанд, ки доимо:

1. дар *таълими* расулон ҳастанд, яъне доимо мавъизаи дорои илҳоми илоҳии расулонро гӯш мекунанд, – аввал мавъизаи даҳониро, акнун бошад дар Аҳди Нав сабтшударо.
2. дар *мушоракат* ҳастанд. Шаҳодати дигари ҳаёти нави навимонон – хоҳиши мушоракат бо халқи Худо ва бо он шодию ғамро бо ҳам дидан аст. Дар дили онҳо аз дунё ҷудо будан ва умумият бо дигар масеҳиён ҳукмрон буд.
3. дар *шикастани нон* ҳастанд. Дар Аҳди Нав ин ибора ҳам Шоми Худованд, ҳам хӯрокхурии якҷояи муқаррариро ифода мекунад. Маънои ҳар як мавриди мушаххас ба алоқамандии матн вобаста аст. Дар ин ҷо, бешубҳа, Шоми Худованд дар назар дошта шудааст, зеро гуфтани он ки онҳо хӯрок хӯрданро давом медоданд, беҳуда мебуд. Аз Аъмол 20,7 мо мефаҳмем, ки масеҳиёни аввалин дар рӯзи аввали ҳафта нонро мешикастанд (Шоми Худовандро қайд мекарданд). Шоми муҳаббат дар Ҷамоати аввалин баъд аз Шоми Худованд, ҳамчун ифодаи муҳаббати муқаддасон ба якдигар, меомад. Вале ҳангоме ки суиистеъмол ба миён омад, бо мурури замон ин анъанаи шоми муҳаббат (ё шоми агапе) нест шуд.
4. дар *дуогӯӣ* ҳастанд. Ин анъанаи чоруми асосии ҷамоатии масеҳиёни аввалин буд. Бо дуоҳояшон онҳо дар мавриди парастиш, роҳнамоӣ, муҳофизат ва хизматгузорӣ ба Худо пурра вобаста буданашонро изҳор мекарданд.

**2,43** Одамонро тарси эҳтиромона фаро гирифта буд. қувваи пуриқтидори Рӯҳулқудс он қадар аён буд, ки дилҳо бозмеистоданд ва ба он тан медоданд. Дили яҳудиёнро ҳайрат фаро мегирифт, вақте онҳо *расулонро* медиданд, ки *мўъҷизаҳои бисёр ва аломатҳо* ба амал меоварданд. Дар ин ҷо ҳодисаҳои фавқуттабиӣ, ки ҳайрат ва ваҷдро ба вуҷуд меоваранд, *мўъҷизаҳо* номида шудаанд. *Аломатҳо* – муъҷизаҳое ки маънои рамзӣ доранд, яъне ба имондорон хости Худоро хабар медиҳанд. Ҳодисаи фавқулода ҳам *муъҷиза* ва ҳам *аломат* буда метавонад.

**2,44-45** Имондорон доимо якҷоя ҷамъ мешуданд ва *дар ҳама чиз шарик буданд.* Дили онҳо саршори муҳаббати Худованд буд, бинобар ҳамин *ҳар гуна молу мулкро* онҳо муштарак меҳисобиданд (4,32). Вақте ки дар ҷамоат *эҳтиёҷ* ба пул ба миён меомад, онҳо молу мулки худро мефурӯхтанд ва маблағи ба даст овардаро тақсим мекарданд. Ба ҳамин тариқ, дар ҷамоат ҳама баробар буданд.

*Дар байни имондорон якдилӣ ва умумияти манфиатҳо зоҳир мегашт – ягонагие ки худбинии ба табиати гунаҳкоронаи мо хосро дар самимияти муҳаббат ба якдигар аз байн бурд – дар ҳиссиёте ки аз муҳаббати Худо ба одамон сарчашма мегирифт. Онҳо муттаҳид буданд ба он маъно, ки онҳо ҳамаи дороияшонро якҷоя идора мекарданд ва на аз рӯи ягон қонун ё маҷбурият (ки ҳамаро вайрон мекард), балки бо дарки он ки ҳамаи онҳо аз они Масеҳанд ва Масеҳ ба ҳамаи онҳо якҷоя ва ба ҳар як кас дар алоҳидагӣ тааллуқ дорад. Баракати Ӯ чунин сарватест, ки ҳеҷ чиз онро кам карда наметавонад, ва ҳар қадаре ки онҳо бисёртар тақсим мекарданд, ҳамон қадар зиёдтар ба даст меоварданд. Онҳо молу мулки худро мефурӯхтанд*

*ва ба ҳама, мувофиқи эҳтиёҷоти ҳар кас, тақсим мекарданд.*[9]

Ҳозир аксарият чунин меҳисобанд, ки моро зарур нест, то дар ин масъала ба ибрати масеҳиёни аввалин пайравӣ кунем. Ин ба тасдиқе монанд мешуд, ки мо набояд наздиконамонро дӯст дорем, чунон ки худамонро дӯст медорем. Хоҳиши молу мулк ва моликияти шахсиро бо ҳам дидан ногузир ба амал меомад, вақте ки дили одам бо Рӯҳулқудс пур мешуд. Чӣ тавре ки гуфта шуда буд, «масеҳии ҳақиқӣ ба он розӣ шуда наметавонад, ки вай чизи хеле бисёр дорад, дар ҳоле ки дигарон чизи хеле кам доранд».

**2,46** Ин оят нишон медиҳад, ки Пантикост ба ҳаёти динӣ ва тарзи зисти навимонон таъсир кардааст.

Ҳаёти динии онҳоро муоина карда, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки имондорони аввалин аз рӯи насаб яҳудӣ буданд. Ҳарчанд Ҷамоати масеҳӣ кайҳо вуҷуд дошт, алоқаҳо бо анъанаи динии яҳудиён якчанд муддат нигоҳ дошта мешуданд. Ҷараёни раҳоӣ аз кафани дини яҳудӣ дар давоми тамоми даврае ки дар китоби Аъмол тасвир ёфтааст, тул кашид. Бинобар ҳамин имондорони масеҳӣ хизматгузориро дар парастишгоҳ[10] давом медоданд ва дар он ҷо хониш ва тафсири Аҳди Қадимро гӯш мекарданд. Ба ғайр аз ин, албатта, онҳо дар хонаҳо якҷоя ҷамъ меомаданд ва он чиро, ки дар ояти 42 гуфта шудааст, ба амал меоварданд.

Дар бораи тарзи зиндагонии онҳо мо мехонем, ки онҳо *нон пора карда, бо хушӣ ва дилсофӣ бо ҳам хӯрок мехӯрданд.* Аз матн аён аст, ки ибораи «пора кардани нон» дар ин ҷо хӯрокхӯрии одиро ифода мекунад. Хушнудии наҷот саросар тамоми ҳаёти онҳоро фаро гирифта буд, ҳатто ташвишҳои одии зиндагиро бо дурахши заррини ҷалол мунаввар сохта буд.

**2,47** Барои онҳое ки аз зери таъсири ҷаҳолат раҳоӣ ёфта, шаҳрванди Подшоҳии муҳаббати Писари Худо шуданд, ҳаёт мадҳия ва таронаи шукронаи Забур гардид.

Дар аввал имондорон *дар байни тамоми мардум меҳру муҳаббат пайдо карда буданд.* Вале ин бисёр давом карда наметавонист. Моҳияти масеҳият чунин аст, ки дар дили одамӣ ҳатман нафрат ва хусумат бармеангезад. Наҷотдиҳанда шогирдони Худашро аз шуҳратманд шудан меогоҳонид (Луқ. 6,26), таъқибот ва азобҳоро ба онҳо пешгӯӣ мекард (Мат. 10,22.23). Ҳамин тариқ, ин *меҳру муҳаббат* танҳо як давраи кӯтоҳе буд, ки ба зудӣ бо душмании сустнашаванда иваз шуд.

*Худованд ҳар рӯз касонеро, ки наҷот меёфтанд, ба ҷамоат меафзуд.* Дар рӯз ҷамоати масеҳиён меафзуд, зеро ки одамон тавба мекарданд ва ба Худованд Исои Масеҳ имон меоварданд. Касоне ки Хушхабарро шунида буданд, уҳдадор буданд, ки бо амали иродаи худ Худованд Исоро қабул кунанд. Он ҳақиқат, ки Худованд наҷотёбандагонро пешакӣ интихоб мекунад ва *меафзояд,* ба ҳеҷ хотир озодии интихоб ва масъулияти худи одамро бекор карда наметавонад.

Инак, дар ин боб дар бораи фуруд омадани Рӯҳулқудс, дар бораи нутқи фаромӯшнашавандаи Петрус ба яҳудиёни ҷамъомада, дар бораи имон овардани одамони зиёд нақл карда шудааст, инчунин тавсифи кӯтоҳи зиндагии масеҳиёни аввалин дода шудааст. Ҳикояи аҷибе дар бораи зиндагии масеҳиёни аввалин дар нашри 13-уми Энсиклопедияи Британӣ дар мақолаи «Таърихи Ҷамоат» оварда шудааст:

*Дар ҳаёти масеҳиёни аввал аз ҳама аҷоибаш ҳисси амиқи он буд, ки онҳо халқи даъватшуда ва интихобшудаи Худо мебошанд. Ҷамоати масеҳӣ ба фаҳмиши онҳо на муассисаи мардумӣ, балки Илоҳӣ буд. Он аз тарафи Худо таъсис ёфта ва идора карда мешуд ва ҳатто дунё барои он офарида шуда буд. Дар давраи масеҳиёни аввал ҳамин нуқтаи назар ба тамоми ҳаёти онҳо – ҳам ба ҳаёти шахсӣ ва ҳам ба ҳаёти ҷамъияти роҳбарӣ мекард. Онҳо худро аз дунёи дигар ҷудошуда ва бо якдигар бо торҳои махсус алоқаманд ҳисоб мекарданд. Онҳо шаҳрвандони осмон буданд, на аз замин, ва усулу қонунҳое ки онҳо мекӯшиданд бо он зиндагӣ кунанд, аз боло ба онҳо дода шуда буд. Дунёи ҳозираашон барои онҳо фақат қароргоҳи муваққатӣ буд, ҳаёти ҳақиқии онҳо бошад бояд дар оянда сар мешуд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ба зудӣ Исо бармегардад, бинобар ҳамин кору ҳузуру ҳаловати ин давр онҳоро кам ба ташвиш меовард. Ҳаёти ҳаррӯзаи масеҳиён бо Рӯҳулқудс пур буд ва ҳамаи накӯкориҳои масеҳиён натиҷаи ҳузури Рӯҳулқудс буд. Чунин боварӣ ба ҳаёти онҳо хусусияти рӯҳбаландии фавқулода, таъсирнокии аз Худо илҳомгирифтаро мебахшид. Зиндагии онҳо зиндагии одамони муқаррарӣ набуд: онҳо*

*табиати заминии худро шикаст дода, ҳаёти наҷибтару рӯҳонитаре ба сар мебурданд.*

Ин мақоларо хонда, то андозае мефаҳмед, ки Ҷамоат аз қудрат ва муттаҳидии аввалаи худ то чӣ андоза дур шудааст!

---

## ҶАМОАТИ ХОНАГӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ МАСЕҲӢ

Азбаски дар ин ҷо (2,47) дар китоби Аъмол бори аввал калимаи «ҷамоат» (юн. экклезиа) зикр мешавад[11], мо ба таври муфассал доир ба мақоми марказии Ҷамоат мувофиқи фаҳмиши масеҳиёни аввал истода мегузарем.

Ҷамоат дар китоби Аъмол, инчунин дар дигар китобҳои Аҳди Нав ҷамоати гӯё хонагӣ буд. Масеҳиёни аввал дар хонаҳои истиқоматӣ ҷамъ меомаданд, на дар биноҳои махсуси ҷамоатӣ. Чунин ҳисобида мешавад, ки дин аз манзилҳои махсуси тақдисшуда ҷой иваз карда, дар манзилҳое ки одамон зиндагӣ мекарданд, дар хонаҳои имондорон мутамарказ шуд. Унгер мегӯяд, ки хонаҳо дар давоми ду аср чун ҷои ҷамъшавии масеҳиён хизмат мекарданд.[12]

Барои мо шарҳи аз ҳама одӣ он шуда метавонист, ки истифодаи хонаҳои шахсӣ на аз боиси ягон мулоҳизаи рӯҳонӣ, балки аз боиси *зарурияти* иқтисодӣ буд. Мо ба биноҳои бузурги ҷамоат ва ибодатхонаҳо то андозае одат кардаем, ки гумон мекунем, гӯё онҳо ба таври идеалӣ ба Худо мувофиқ ҳастанд.

Бо вуҷуди ин далелҳои асоснок ҳастанд пиндорем, ки масеҳиёни асрҳои аввал, эҳтимол, аз мо оқилтар буданд.

Пеш аз ҳама, ба имони масеҳӣ ва ба таъкиди он оид ба муҳаббат мувофиқ нест, ки ҳазорҳо доллар ба биноҳои боҳашамат сарф карда шаванд, дар ҳоле ки дар тамоми дунё камбағалии даҳшатангез ҳукмрон аст. Вобаста ба ин Стэнлӣ Ҷоунс навишта буд:

*Ман дар ибодатхонаи ҷомеи румӣ бо ҳавас тасвири Тифл, Исои хурдакакро, ки бо ҷавоҳироти бошукӯҳ ороста шуда буд, тамошо мекардам, вале аз ибодатхона баромада рӯи кӯдакони гуруснаро дидам. Баъд аз он ман аз худ пурсидам: Оё Исо ба ин гуруснагӣ нигоҳ карда, аз орошоти Худ хурсанд шуда метавонад? Ва агар тавонад – ин фикр маро бо қатъият таъқиб мекард, – пас ман дигар бо хушнудӣ дар бораи Исо фикр карда наметавонистам. Ин Тифли бо ҷавоҳироти бошукӯҳ оросташуда ва кӯдакони гурусна – рамзи он аст, ки мо чӣ кор кардем, Исоро бо либоси бошукӯҳи ибодатхонаҳои ҷомеъ ва дигар ибодатхонаҳои боазамат ороста, ҳатто кӯшиши бо беадолатии умқии ҷамъият мубориза бурдан накардем, дар ҳоле ки Исо дар ҳар як бекор ва бенаво гуруснагӣ мекашад.*[13]

Сарф кардани пул барои сохтмони биноҳои киматбаҳо, ки дар як ҳафта аз 3-5 соат зиёд истифода намешаванд, на фақат зидди одамдӯстист, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ номақбул аст. Оё мо метавонем беақлона ин қадар бисёр сарф карда ва ба ивазаш ин қадар кам гирифтанро ба худ раво бинем?

Барномаҳои ҳозиразамони мо доир ба сохтмони ҷамоатӣ яке аз калонтарин мамониатҳо дар инкишофи Ҷамоат буд ва ҳаст. Маблағҳои калони пулӣ, ки барои пардохти маблағи қарзҳо ва фоизи онҳо сарф карда мешаванд, роҳбарияти ҷамоатро маҷбур месозанд ба ҳар як кӯшиши ҷудо шудан ва ҷамоати нав ташкил кардани гурӯҳҳои имондорон муқобилат нишон диҳанд. Ҳар як камшавии одамони ба ҷамоат меомада даромадеро, ки барои сохтмон ва истифодаи бино зарур аст, дар зери хатар мемононад. Насли ҳанӯз зоданашуда дар зери бори қарз аст ва ҳар гуна умеди такроран пуршавии Ҷамоат барҳам мехӯрад.

Аксаран мегӯянд, ки биноҳои таассуротбахши ҷамоат доштан даркор аст, то касонеро, ки аъзои ҷамоат нестанд, ба маҷлис ва парастиш ҷалб намоем. Чунин тарзи тафаккур дунявист, зиёда аз ин, комилан таҷрибаи Аҳди Навро ба назар намегирад. Дар ин давра ба ҷамъомади ҷамоатӣ асосан имондорон меомаданд. Масеҳиён барои шунидани мавъизаи расулон, мушоракат, шикастани нон ва дуо ҷамъ меомаданд (Аъм. 2,42). Онҳо одамонро ба маҷлиси якшанбегӣ даъват карда, Хушхабарро мавъиза намекарданд, балки ба онҳое ки дар давоми ҳафта вохӯрда буданд, шаҳодат медоданд. Танҳо ҳамон вақте ки одам дар ҳақиқат имон меоварад, ӯ ба ҷамоат дохил мешуд ва метавонист ба ҷамоати хонагӣ ташриф оварад, то дар ин ҷо ғизои рӯҳонӣ ва ёрӣ гирад.

Баъзан одамонро ба ибодат дар биноҳои ҷамоатҳои боҳашамат моил кардан мушкил аст. Дар одамон эътирози тезу тунд ба ҳар гуна шаклпарастӣ, инчунин андешаи он ҳаст,

ки аз онҳо пул талаб мекунанд. Аксаран шунидан мумкин аст: «Барои ҷамоат танҳо пули шумо лозим аст». Вале аксарияти онҳое ки ба ибодатхона рафтан намехоҳанд, бо шавқу ҳавас ба машғулиятҳои хонагӣ доир ба омӯзиши Навиштаи Муқаддас мераванд. Дар он ҷо бо масеҳиён мушоракат намуда, онҳо худро дар шароити ғайрирасмӣ нисбатан озод ҳис карда метавонанд.

Дар ҳақиқат, ҷамоати хонагӣ барои ҳар кадом фарҳанг ва ҳар сарзамин ба таври идеалӣ мувофиқат мекунад. Эҳтимол, агар мо ба тамоми дунё назар андохта метавонистем, пас медидем, ки қисми зиёди имондорон на дар биноҳои махсус, балки дар хонаҳо ҷамъ меоянд.

Баръакси давраи мо, ки ҳоло биноҳои бузурги ибодатгоҳҳои ҷомеъ ва ибодатхонаҳо сохта шудаанд, ҳамчунин шумораи зиёди ташкилотҳои конфессиявӣ, миссионерӣ ва байниҷамоатии хуб таркибёфта таъсис ёфтаанд, расулон, ба андозае ки аз китоби Аъмол маълум аст, ба таъсиси ягон хел ташкилот, ки кори Худоро давом медода бошад, кӯшиш накардаанд. Ҷамоатҳои маҳаллӣ «дастаҳои пешоҳанг»-и Худо буданд, ки имонро паҳн мекарданд ва расулон бо ин вазифаи худ қонеъ буданд.

Дар солҳои охир дар ҷаҳони масеҳӣ зиёдшавии ҳайратангези фаъолияти ташкилотӣ мушоҳида карда мешавад. Дар дафъае ки ба сари имондор фикри наве оид ба хизмат ба кори Исо меояд, ӯ гурӯҳи миссионерӣ, иттиҳод ё дигар ташкилоти навро таъсис медиҳад!

Аз ҷумла, ин ба он оварда мерасонад, ки муаллимон ва мавъизагарони боистеъдод маҷбур мешаванд барои бурдани кори маъмурӣ аз хизмати асосии худ ба дигар тараф кашида шаванд. Агар ҳамаи маъмуроне ки дар идораҳои ташкилотҳои миссионерӣ кор мекунанд, дар худи соҳаҳои миссионерӣ машғул мешуданд, дар он ҷо масъалаи доимии эҳтиёҷи кормандон ҳал мешуд.

Боз як натиҷаи тез инкишоф ёфтани ташкилотҳо – зиёд шудани хароҷоти иловагӣ мебошад. Аз ин сабаб маблағи зиёди пулҳо на ба паҳнкунии Хушхабар сарф карда мешаванд. Қисми зиёди пули ба бисёр ташкилотҳои масеҳӣ бахшидашуда барои пӯшонидани хароҷоти таъмини худи ташкилот сарф карда мешавад, ва на ба он мақсаде ки баҳри он таъсис ёфта буд.

Аксаран ташкилотҳо ба иҷрои Супориши Бузурги Худовандамон монеъ мешаванд. Исо ба расулони Худ фармуд, ки ҳамаи он чиро ки Ӯ васият карда буд, таълим диҳанд. Аксари одамоне ки дар ташкилотҳои масеҳӣ кор мекунанд, бо мурури замон мефаҳманд, ки онҳо иҷозати мавъиза намудани ҳамаи ҳақиқати Худоро надоранд. Масалан, онҳо дар бораи баъзе мавридҳои ихтилофнок гап зада наметавонанд, зеро ташкилот метарсад, ки бо ин кор одамонеро, ки ба он ёрии молиявӣ мерасонанд, аз худ дур мекунад.

Афзуншавии шумораи муассисаҳои масеҳӣ аксаран боиси найрангҳо, ҳасад ва рақобат мегарданд, ки ба кори шаҳодат оид ба Масеҳ зарари калон мерасонанд.

*Ташкилотҳои зиёди масеҳии дар кишвари мо ва дар хориҷа бударо, ки вазифаҳояшон қисман мувофиқат мекунанд, дида мебароем. Онҳо барои кадрҳои шумораашон маҳдуд ва барои захираҳои молиявии камшаванда мубориза мебаранд. Бисёре аз ин ташкилотҳо бо пайдоиши худ ба ҳисси сирф дунявии рақобати ташкилкунандагони худ вобастаанд, агарчи дар изҳороти назди омма, бешубҳа, онҳо ба иродаи Худо такя мекунанд.*

(аз Қайдҳои ҳаррӯзаи ҷамъияти Навиштаи Муқаддас)

Аксаран он чиз дуруст аст ки ҳар як ташкилот мавҷудияти худро ба муддати зиёд дароз карда метавонад, ҳатто агар он самаранокиашро кайҳо гум карда бошад ҳам. Чархи механизм чарх заданро давом медиҳад, ҳарчанд мақсади асосгузорони он аз назар пинҳон шуд, ва аз шуҳрати ҳаракакате ки замоне пурҷӯшу хурӯш буд, нишоне намондааст. На содадилии ба одамони одӣ хос, балки ҳикмати рӯҳонӣ масеҳиёни аввалро аз ташкил додани муассисаҳо барои давом додани кори Худо нигоҳдорӣ кард.

Г. Д. Ланг менависад:

*Як нависандаи моҳир хизмати расулонро бо тарзу усули барои мо то андозае муқаррарии кори миссионерӣ муқоиса карда гуфтааст, ки «мо маъмурияти миссияҳо таъсис медиҳем, расулон ҷамоатҳо таъсис медоданд». Чунин фарқ хеле муҳим аст. Расулон ҷамоатҳо таъсис медоданд ва дигар ҳеҷ чизро, зеро ки барои расидан ба мақсади дар пешашон истода чизи дигаре талаб карда намешуд ва бештар муносиб набуд. Дар ҳар як маҳал онҳо ҷамоатҳои*

*маҳаллии имондоронро бо сардории пирон – ҳамеша бо якчанд пирон, на бо як нафар пир (ниг. Аъм. 14,23; 15,6.23; 20,17; Фил. 1,1) – таъсис медоданд, ки имондоронро роҳнамун мекарданд, онҳоро роҳбарӣ ва насиҳат мекарданд. Худованд ин одамонро таъйин мекард ва ҳамаи имондорон интихоби онҳоро эътироф мекарданд (1Қур. 16,15; 1Тас. 5,12.13; 1Тим. 5,17-19). Маҷлиси имондорон ходимонро таъйин мекард (Аъм. 6,1-6; Фил. 1,1), ки аз пирони ҷамоат фарқ мекарданд. Диаконҳо бояд бо корҳои камшумори ҳар сари чанд вақт ба вуҷуд меомада, вале хеле муҳим машғул мешуданд, аз ҷумла, тақсимоти маблағи пулии ҷамоатро онҳо идора мекарданд. ҳамаи кори ташкилии расулон ба ташаккули шогирдон дар чунин ҷамоатҳо бурда мерасонд. Дар Аҳди Нав ҳеҷ як ташкилоти дигар номбар нашудааст. Мо дар он ҳатто нишонаҳои аввалини ҳамон ташкилотҳои масеҳиро, ки дертар ба вуҷуд омадаанд, намеёбем.*[14]

Барои масеҳиёни аввал ва роҳбарони онҳо, расулон, ҷамоати маҳаллӣ ташкилоти аз тарафи Худо интихобшуда дар замин буд, ки ба воситаи ин Ӯ дар замин амал карданӣ аст. Ва ягона чунин ташкилоте ки Ӯ ба он мавҷудияти абадиро ваъда дод, Ҷамоат буд.

---

### Ғ. Лангро шифо додан, ва халқи Исроилро ба тавба даъват кардани Петрус (3,1-26)

**3,1** Дар Уршалим соати сеи баъд аз пешин буд, вақте ки *Петрус ва Юҳанно* якҷоя ба парастишгоҳ *мерафтанд*. Чунон ки пештар гуфта шуда буд, аввал масеҳиёни яҳудӣ дар давоми якчанд вақт баъд аз таъсиси Ҷамоати масеҳӣ ибодатро дар парастишгоҳҳои яҳудиён давом медоданд. Қатъи муносибат бо дини яҳудӣ яклаҳзаина набуд, давраи гузариш талаб карда мешуд. Барои имондорони ҳозира ба ибрати онҳо пайравӣ кардан нобахшиданӣ мебуд, зеро ки дар мо ваҳйи пурраи Аҳди Нав ҳаст, ки дар он гуфта шудааст: «... пас, хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем» (Ибр. 13,13; ниг. инчунин 2Қур. 6,17.18).

**3,2** Ба парастишгоҳ наздик шуда, онҳо одамонеро диданд, ки марди ланги гадоро *назди он дарвозаи ибодатгоҳ, ки Зебо ном дошт,* бардошта меоварданд. Нотавонии ин марди *ланги* модарзод бо меъмории бошукӯҳи парастишгоҳ тазоди сахт дошт. Ин чиз камбағалӣ ва ҷаҳолатеро, ки зери сояи ҷамоатҳои ҷомеи бузург хеле бисёр дучор омадан мумкин аст, ва ба шахсони ҷисман ва рӯҳан бемор қобилияти ёрӣ расондан надоштани ташкилотҳои ҷамоатии пуриқтидорро ба хотири мо меоварад.

**3,3** Бешубҳа, ин марди ланг аллакай умеди шифо ёфтан надошт ва ба он тан дода буд, ки барои ӯ як имконият – *садақа* пурсидан мондааст.

**3,4** Ба ин маъюби нотавон бо диққат нигариста, *Петрус* имконияти нишон додани қудрати тавонои Худоро дид. «Агар мо аз тарафи Рӯҳулқудс рахнамун шавем, пас, нигоҳи худро дар онҳое бозмедорем, ки Худо барои баракат додан интихоб кардааст, ва бо тирҳои холӣ намепарронем ва ҳаворо намеларзонем».

Ба гадо бо суханҳои: *«ба мо нигоҳ кун»,* муроҷиат карда, Петрус мехост диққати мардумро не, диққати лангро ба худ ва ба Юҳанно ҷалб кунад.

**3,5-6** Маъюб ҳанӯз ҳам ба умеди гирифтани ёрии пулӣ бо диққат *ба онҳо чашм медӯхт.* Он чи ӯ баъд шунид, ӯро ноумед карда, моту мабҳут намуд. Петрус чизе надошт, ки ба ӯ чун садақа диҳад. Вале ӯ чизи беҳтаре дода метавонист. *Ба номи Исои Масеҳи Носирӣ* ӯ ба ланг бархестану роҳ рафтанро амр дод. Як воизи пири доно гуфтааст: «Маъюби гадо садақа пурсид, аммо соҳиби пой шуд».[15]

Нақл мекунанд, ки боре Тумои Аквинӣ назди Папаи Рум омад, ки ӯ дар он вақт маблағи калони пулро мешумурд. Папа таъриф карда гуфт: «Акнун мо набояд чунон гӯем, ки як замоне Петрус гуфта буд: «Ман нуқра ва тилло надорам».» Тумо ба ин чунин ҷавоб дод: «Аммо ҳамчунин монанди Петрус: Бархезу роҳ рав! – ҳам гуфта наметавонед».

**3,7** Вақте ки Петрус ба ин одам барои ба по хестан ёрӣ дод, *панҷаи по ва зону, ки то ҳол кор намекарданд,* қувват гирифтанд. Ин боз ба мо хотиррасон мекунад, ки дар ҳаёти рӯҳонӣ ба тариқи фавқулода ҷиҳати Илоҳӣ ва одамӣ омехта мешавад. Петрус ба ин одам барои ба по хестан ёрӣ медиҳад ва баъд Худо ӯро шифо медиҳад. Мо бояд он чи метавонем, ҳамонро кунем, он гоҳ Худо он чиро, ки мо карда наметавонем, мекунад.

**3,8** Муъҷизаи шифоёбӣ яклаҳзаина буд, на тадриҷӣ. Ба он диққат диҳед, ки Рӯҳи Худо чӣ қадар феълҳоро истифода мебарад, ки ҳаракатро ифода мекунанд: ... *ҷаста хест ... ба роҳравӣ даромад ... ва ворид шуд ... роҳравону ҷастухезкунон.*

Вақте мо ба хотир меорем, ки кӯдак роҳ гаштанро чӣ тарз оҳиста ва пуразоб ёд мегирад, мефаҳмем, чӣ гуна муъҷизае буд барои он одам, ки ӯ якбора бори аввал дар ҳаёташ роҳ гашта ва ҷаҳида тавонист.

Ин муъҷизае ки ба номи Исо рӯй дод, бори дигар ба халқи Исроил тасдиқ кард, ки Ҳамоне ки Ӯро онҳо ба салиб кашида буданд, зинда аст ва Шифодиҳанда ва Наҷотдиҳандаи онҳо шудан мехоҳад.

**3,9-10** Одамон ҳар рӯз ба дидани ин гадо дар назди дари парастишгоҳ одат карда буданд. Акнун, ки ӯ шифо ёфт, дар бораи муъҷиза ногузир ба ҳама маълум гашт. *Мардум* наметавонистанд инкор кунанд, ки муъҷизаи бузурге рух дод, вале ҳамаи ин чиро ифода менамуд?

**3,11** Азбаски *шифоёфта аз Петрус ва Юҳанно,* ки ба ӯ шифо бахшида буданд, дур намерафт, *тамоми мардум дар айвони Сулаймон,* як қисми бинои парастишгоҳ, бо ҳайрат сӯи онҳо *шитофтанд.* Ваҷд ва ҳайрати онҳо ба Петрус имконияти бо мавъиза ба онҳо муроҷиат карданро дод.

**3,12** Пеш аз ҳама *Петрус* диққати одамонро аз шахси шифоёфта ва худи расулон ба дигар тараф кашид. Шарҳи муъҷизаҳо дар ҳеҷ кадоми онҳо набуд.

**3,13-16** Дарҳол ӯ ба онҳо Холиқи ҳақиқии муъҷизаҳоро номбар кард. Ӯ Исо буд – худи Ҳамоне ки онҳо Ӯро таслим карданд, рад карданд ва *куштанд.* Худо Ӯро аз мурдагон зинда намуд ва дар осмонҳо ҷалол дод. Акнун, ба хотири имон ба номи Ӯ ин шахс аз дарди худ шифо ёфтааст.

Бешубҳа, бебокии Петрус олидараҷа аст, ки халқи Исроилро гунаҳкор кард. Ӯ онҳоро дар ин корҳо гунаҳкор ҳисобид:

1. Онҳо Исоро *таслим карданд* (ба додгоҳи ғайрияҳудиён).
2. *Дар пеши Пилотус,* ки мехост Ӯро озод кунад, *Ӯро рад намуданд.*
3. Онҳо *Қуддус* ва Росткорро рад намуда, хоҳиш карданд, ки як шахси *одамкуш* (Бараббос) озод карда шавад.
4. Онҳо *Сарвари* (ё Холиқи) ҳаётро *куштанд.*

Ва баръакс, диққат диҳед, ки Худо ба Исо чӣ гуна муносибат дорад:

1. Худо Ӯро *аз мурдагон бархезонд* (ояти 15)
2. Ӯ Бандаи *Худ Исоро* (на *Писари Худ Исоро*, чунон ки дар тарҷумаи тоҷикӣ оварда шудааст, ояти 13) *ҷалол дод.*

Дар охир диниста бошед, ки муъҷизаи шифоёбиро шарҳ дода, расул асосан ба *имон* ба Исо такя мекунад (о. 16). Дар ин оят ҳамчунин дар дигар ҷойҳо ном одамро ифода мекунад. Ҳамин тавр, имон *ба номи Ӯ* имон ба Исоро ифода мекунад.

**3,17** Дар ин оят Петрус якбора оҳанги муроҷиати худашро иваз мекунад. Гуноҳи марги Худованд Исоро ба Исроил гузошта, акнун ӯ ба онҳо чун ба *бародарони* яҳудии худ муроҷиат мекунад, раҳмдилона фарз мекунад, ки *онҳо ин корро аз рӯи нодонӣ кардаанд,* ва ба тавба кардан ва имон овардан даъват мекунад.

Мумкин чунин намояд, ки суханҳои Петрус дар бораи он ки яҳудиён Худованд Исоро аз нодонӣ ба салиб кашидаанд, ба ҳақиқат мухолифат мекунад. Оё Ӯ бо «ваколатнома»-и Масеҳ будан ба назди онҳо наомад? Оё Ӯ дар байни онҳо муъҷиза ба вуҷуд намеоварда? Оё Худро ба Худо баробар эълон карда, онҳоро ба хашм наоварда? Бале, ин дуруст аст. Бо вуҷуди ин онҳо аз он бехабар буданд, ки Исои Масеҳ Худо дар ҷисм буд. Онҳо на Масеҳи хоксор ва раҳмдил, балки озодкунандаи ҷанговару пурзӯрро интизор буданд. Онҳо Исоро чун сохтаном қабул карданд.

Онҳо намедонистанд, ки Ӯ дар ҳақиқат Писари Худо буд. Шояд, онҳо ҳатто гумон мекарданд, ки Ӯро кушта, кори ба Худо мақбулро карда истодаанд. Худи Наҷотдиҳанда дар салиб чунин гуфт: «... намедонанд чӣ мекунанд» (Луқ. 23,24), ва баъдтар Павлус навишта буд: «... агар (мирони ин ҷаҳон) медонистанд, Худованди ҷалолро ба салиб намекашиданд» (1Қур. 2,8).

Ҳамаи ин бояд мардони Исроилро бовар мекунонд, ки гуноҳи онҳо, ҳарчанд бузург аст, бо марҳамати Худо бахшида шуданаш мумкин аст.

**3,18** Ҷинояти онҳоро дуруст нашумурда, Петрус нишон медиҳад, ки *Худо* барои ба мақсади Худ расидан онро истифода бурд. Пайғамбарони Аҳди Қадим пешгӯӣ карда

буданд, ки Масеҳ *бояд азоб кашад.* Ин азобу уқубатро ба Ӯ халқи яҳудӣ расондааст. Вале акнун Ӯ метавонад Худо ва Наҷотдиҳандаи онҳо шавад. Ба шарофати Ӯ гуноҳҳои онҳо метавонанд бахшида шаванд.

**3,19** Халқи Исроил бояд тавба кунад ва */ба Худо/ рӯ оварад.* Вақте ки онҳо инро мекунанд, гуноҳҳои онҳо *нобуд мегардад* ва *айёми истироҳат фаро мерасад.*

Бояд дар хотир дошт, ки ин мурочиат ба «мардони Исроил» равона шуда буд (о. 12). Дар он зарурати тавбаи умумихалқӣ таъкид карда мешавад, ки бояд пеш аз эҳёи миллӣ ва баракат ба вуҷуд меомад. *Айёми истироҳат аз ҳузури Худованд* гуфта ояндаи пурбаракати Подшоҳии Худо дар замин номида шудааст, ки доир ба он дар ояти дигар зикр гардидааст.

**3,20** Пас аз он ки Исроил тавба кунад, Худо Масеҳ, *Исоро мефиристад.* Чӣ хеле ки пеш зикр гардида буд, дар ин ҷо омадани дуюми Исо, вақте ки Ӯ ҳазор сол дар замин ба тахти подшоҳӣ менишинад, дар назар дошта шудааст.

**3,21** Ногузир савол ба миён меояд: «Агар пас аз даъвати Петрус Исроил тавба мекард, оё Худованд Исо ба замин бармегашт?» Одамони бузург ва тақводор ба ин савол ба таври гуногун ҷавоб медиҳанд. Баъзеи онҳо чунин мешуморанд, ки Ӯ бармегашт; дар акси ҳол, мегӯянд онҳо, ин ваъда аз рӯи виҷдон намебуд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ин суханон пайғамбарона буданд ва тартиби ҳодисаҳоеро, ки дар ҳақиқат рӯй медиҳанд, пешгӯӣ мекарданд. Вале ин масъала тахминист. Дар асл Исроил тавба накард ва Худованд Исо барнагашт.

Мувофиқи ояти 21, *Худо* пешбинӣ карда буд, ки халқи Исроил Исоро рад мекунад ва то омадани дуюми Ӯ давраи ҳозираи файз мегузарад. *Осмон* бояд Исоро *то замони нав кардани ҳама чиз қабул мекард. Замони нав кардани ҳама чиз* – Подшоҳии Ҳазорсолаи Исо аст. Ин суханон, бар хилофи он чи баъзеҳо гумон мекунанд, дар бораи наҷоти ҳама намебошад; чунин таълимот ба Навиштаи Муқаддас бегона аст. Яқинан онҳо вақтеро дар назар доранд, ки ҷаҳони офаридашуда аз асорати фаношавӣ озод мешавад ва Исо дар тамоми замин одилона подшоҳӣ мекунад меронад.

Ин *замонҳои нав карданро* пайғамбарони Аҳди Қадим пешгӯӣ карда буданд.

Ояти 21-ро далел оварда, кӯшиш мекунанд боло бурда шудани Ҷамоатро, ки пеш аз саршавии Мусибати Бузург рӯй медиҳад, инкор кунанд. Дар ин ҳол далелҳо чунинанд: агар осмон Исоро то саршавии Подшоҳии Ҳазорсола қабул мекарда бошад, пас Ӯ пештар барои ба осмон гирифта бурдани Ҷамоат омада наметавонад. Ҷавоб ба ин, албатта, дар он ниҳон аст, ки Петрус дар ин ҷо ба мардони Исроил мурочиат мекунад (ояти 12). Ӯ ба онҳо мегӯяд, ки Худо ба халқи Исроил чӣ гуна рафтор мекунад. Он чи ба халқи Исроил дахл дорад, барои онҳо Худо то замони омадани Ӯ ва ҳукмрониаш дар охири замони Мусибати Бузург дар осмон мемонад. Вале яҳудиёне ки дар тули давраи Ҷамоат ба Ӯ имон овардаанд, ҳамроҳи ғайрияҳудиёни имондор дар болобурдашавии Ҷамоат, ки ҳар лаҳза воқеъ шуда метавонад, иштирок хоҳанд кард. Илова бар ин, дар лаҳзаи болобурдашавӣ Худо осмонро тарк намекунад, мо ба назди Ӯ мебароем.

**3,22** Ба сифати мисоли пешгӯии Аҳди Қадим доир ба подшоҳии пурҷалоли Исо Петрус Такрори Шариат 18,15.18.19-ро иқтибос меорад. Ин порча Исоро ҳамчун Пайғамбари Худо дар асри тиллоии Исроил, пайғамбаре ки хости Худо ва шариати Ӯро шарҳу эзоҳ медиҳад, тасвир мекунад.

Вақте ки Мусо: *«Худованд Худои шумо Пайғамбареро барои шумо ба миён меоварад»* мегуфт, ӯ на шабоҳати хислатҳо ё қобилиятҳоро, балки шабоҳатро дар он дар назар дошт, ки ҳар дуи онҳо аз тарафи Худо ба миён оварда шуда буданд. «Ӯ чӣ хеле ки маро ба миён оварда буд, Ӯро низ ҳамин тавр ба миён меоварад».

**3,23** Дар давраи подшоҳии Исо дар замин ҳар касе ки Ӯро гӯш *надиҳад* ва ба Ӯ итоат накунад, *решакан карда мешавад.* Албатта, касоне ки Ӯро рад мекунанд, ҳозир ҳам ба ҷазои доимӣ маҳкум шудаанд, вале маънои аслии ин оят дар он аст, ки Исо бо дасти оҳанин ҳукмронӣ мекунад, ва ҳар касе ки ба Ӯ итоат накунад ва ба муқобили Ӯ бархезад, фавран ҷазо дода мешавад.

**3,24** Чандин маротиба пешгӯӣ шудани айёми истироҳатро таъкид карда, Петрус илова мекунад, ки *тамоми пайғамбарон аз Самуил сар карда* дар бораи *ин рӯзҳо* гуфтаанд.

**3,25** Акнун Петрус ба шунавандагони яҳудии худ хотиррасон мекунад, ки ваъдаи ин рӯзҳои пурбаракат ба онҳо чун *ворисони он*

*пайғамбарон* ва авлоди Иброҳим дода шудааст. Ба ҳар ҳол Худо *аҳде бо Иброҳим* баст, ки *ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ӯ* баракат хоҳанд ёфт. Маркази ҳамаи ваъдаҳои баракати ҳазорсола Насл, яъне Масеҳ мебошад. Ҳамин тавр, онҳо Худованд Исоро бояд ҳамчун Масеҳ қабул кунанд.

**3,26** *Худо* аллакай *Бандаи Худро бархезонд* (3,13) ва аввал *Ӯро* ба назди халқи Исроил *фиристод*. Ин назар ба растохези Худованди мо бештар ба таҷассум ва ҳаёти Ӯ тааллуқ дорад. Агар онҳо Ӯро қабул мекарданд, Ӯ ҳар *якеро аз роҳҳои бад бармегардонд*.

Дар ин мавъизаи ба халқи Исроил равонашудаи Петрус мо пай мебарем, ки на Ҷамоат, балки маҳз Подшоҳӣ дар назар дошта шудааст ва диққат ба миллат дода мешавад, на ба шахсиятҳо. Рӯҳи Худо муддати дуру дароз ба Исроил муроҷиат мекард, бо таҳаммул ва меҳрубонона халқи қадими Худоро зорию таналло мекард, ки Худованд Исои ҷалолёфтаро чун Масеҳ қабул намояд ва ба ҳамин тариқ ба замин фуруд омадани Масеҳ ва ҳукмронии Ӯро тезонад.

Вале Исроил ин хоҳишро нашунид.

## Д. Таъқиби Ҷамоат ва нумуи он (4,1–7,60)

**4,1-4** Саршавии таъқиби Ҷамоати навзод аллакай дур набуд. Чӣ тавре ки интизор шудан мумкин буд, таъқибот аз сардорони динӣ бармеомаданд. *Коҳинон, сардорони посбонони ибодатгоҳ ва саддуқиён* ба муқобили расулон баромаданд.

Скроггӣ тахмин мекунад, ки *коҳинон* оштинопазирии диниро, *сардорони посбонони ибодатгоҳ* – хусумати сиёсиро, *саддуқиён* бошанд – нобоварии мулоҳизакоронаро таҷассум менамоянд. Саддуқиён таълимот дар бораи растохезро инкор мекарданд, ки ногузир онҳоро ба ихтилоф бо расулон меовард, зеро ки растохез лаҳзаи асосӣ дар мавъизаи расулон буд. Сперҷен чунин муқоисаро мегузаронад:

*Саддуқиён, чӣ тавре ки шумо медонед, назари васеъро тарафдор буданд, озодфикр буданд, одамони пешқадами замони худ буданд. Ба ин «ҷавонмардони олиҳиммат» дар мазоҳҳои бешармона, писханди нешдор ва аъмоли бераҳмона ҳамто набуд. Онҳо ба ҳама пурра озодфикронa муносибат мекарданд, ба ғайр аз онҳое ки тарафдори ҳақиқатанд, ва барои ин хел одамон саддуқиён ба таври фаровон тундӣ доштанд, ки аз тундии явшон ва заҳра хеле зиёдтар буд. Онҳо ба бародаронашон, ки таълимоти бардурӯғ паҳн мекарданд, чунон муносибати олиҳимматона мекарданд, ки дигар дар онҳо барои масеҳиёни инҷилӣ пурсабрӣ боқӣ намемонд.*[16]

Ин роҳбарони диниро худи он ҳақиқат, ки расулон халқро таълим медоданд, ба қаҳру ғазаб меовард, зеро инро онҳо ҳуқуқи махсуси дахлнопазири худ меҳисобиданд. Ҳамчунин мавъизаи растохези Исо *аз мурдагон* қаҳру ғазаби онҳоро ба вуҷуд меовард. Худи *растохези* Исо *аз мурдагон* саддуқиёнро бадном мекард.

Ибораи *«растохези мурдагон»* (дар асл: «растохез аз мурдагон») дар ояти 2 бисёр муҳим аст, зеро он нуқтаи назари машҳурро доир ба растохези умумӣ дар охирзамон рад мекунад. Ҳамин порча ва порчаҳои дигар дар бораи зинда шудан *аз* мурдагон шаҳодат медиҳанд. Дигар хел карда гӯем, баъзеҳо зинда мешаванд, дар он вақте ки дигарон (беимонон) то муҳлати хеле зиёд дар қабрҳо мемонанд.

Азбаски дер шуда буд, пирон қарор доданд, ки расулонро то рӯзи дигар дар ҳабси хонагӣ нигоҳ доранд. (Муъҷизаи шифо ёфтан, ки дар боби 3 тасвир ёфтааст, тақрибан соати сеи нисфирӯзӣ рӯй дод.)

Ба зиддияти шахсиятҳои расмӣ нигоҳ накарда одамони зиёде ба Худо рӯй оварданд. Гуфта шудааст, ки ба ҷамоати масеҳӣ тақрибан *панҷ ҳазор мард* ҳамроҳ шуданд (юнонӣ «андре» – «мардон»). Шореҳон ба ақидаи ягонае наомаданд, ки ин шумора се ҳазор нафари дар рӯзи Пантикост наҷотёфтаро низ дар бар мегирад ё не. Ба ин шумора занону кӯдакон дохил намешаванд.

**4,5-6** Рӯзи дигар шурои динӣ, ки бо номи «синедрион» маълум буд, ба маҷлис бо мақсади хотима гузоштан ба фаъолияти ин вайронкунандагони осудагии ҷамъият ҷамъомаде барпо карданд. Вале дар натиҷа расулон боз як имконияти шаҳодат додан дар бораи Масеҳро пайдо карданд.

Дар баробари *сардорон, пирон ва китобдонони онҳо* дар ҷамъомад инҳо ҳузур доштанд:

1. *Ҳонони саркоҳин*. Замоне Худовандро аввалан ба назди ӯ оварданд. Дар ин вақт ӯ аллакай саркоҳин набуд, вале, эҳтимол,

одоби муошират талаб мекард, ки ба ӯ монанди аввала бо ин унвон муроҷиат кунанд.

2. *Қаёфо,* домоди Ҳонон, раёсаткунанда дар додгоҳи Худо.
3. *Юҳанно ва Искандар,* ки дар бораи онҳо чизе маълум нест.
4. *Ва тамоми хонаводаи саркоҳин,* мардоне ки ба қавми саркоҳинон тааллуқ доштанд.

**4,7** Додгоҳ бо саволи ба расулон додашуда сар шуд, ки *бо кадом қувват ё ба кадом ном* онҳо муъҷизаи шифоёбиро ба амал оварданд. Ва Петрус аллакай бори сеюм пай дар пай дар Уршалим бо мавъиза дар бораи Исо баромад мекард. Ба ӯ имконияти бебаҳои мавъиза намудани Хушхабар ба сарварони дин дода шуд ва ӯ аз ин имконият бо майли тамом ва натарсида истифода бурд.

**4,8-12** Пеш аз ҳама вай ба шунавандагон ёдрас кард, ки сабаби норозигиашон он буд, ки расулон *ба марди нотавон некӣ карданд*. Ҳарчанд *Петрус* инро нагуфт, ҳама медонистанд, ки одаме ки ӯ ба вай шифо бахшид, то он вақт муддати зиёд назди дари парастишгоҳ садақа металабид, вале сарварони дин ба ӯ шифо бахшида наметавонистанд. Суханони навбатии расул барои шунавандагон чун раъд дар рӯзи равшан садо дод: вай эълон намуд, ки ин одам *ба номи Исо ... ки Ӯро* онҳо *ба салиб кашиданд,* шифо ёфтааст. *Худо* Исоро *аз мурдагон* зинда намуд ва маҳз бо ҳукми Ӯ ин муъҷиза ба вуҷуд омад. Яҳудиён дар системаи фикрҳои худ барои *Исо* ҷой наёфтанд, бинобар ҳамин Ӯро рад карданд ва *ба салиб кашиданд*. Вале Худо Ӯро *аз мурдагон бархезонд* ва дар осмонҳо ҷалол дод. Ба ҳамин тариқ, *санге ки онҳо рад карданд, санги сари гӯшаи бино гардид,* санги зарурие ки сохтмони биноро ба охир мерасонад. Ва Ӯ дар ҳақиқат зарур аст. Бе Ӯ наҷот нест. Ӯ Наҷотдиҳандаи ягона аст. Дар зери осмон ҳеҷ номи дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба воситаи он *наҷот ёбем,* ва танҳо бо ин исм мо бояд наҷот ёбем.

Оятҳои 8-12-ро хонда, ба ёд меорем, ки ин суханро ҳамон одаме гуфт, ки се маротиба савганд хӯрда, Худовандро инкор карда буд.

**4,13** Дини бе обуранг ва расмӣ ҳамеша ба мавъизаи пур аз ҳаёт ва қувваи Хушхабар, ки дар дилу зиндагии одамон бор меоварад, оштинопазирона муносибат мекунад. роҳбарони диниро он ошуфта месозад, ки *одамони нахонда ва одӣ* ба ҷамъият таъсир расонида метавонанд, дар ҳоле ки худи онҳо, ба ҳама заковати худ нигоҳ накарда «аз ҷисм ва хун боло шуда наметавонанд».

*Дар Аҳди Нав байни коҳинон ва аъзоёни қатории ҷамоат фарқ гузошта нашудааст. Ин фарқ дар давраи католисизм ба вуҷуд омад. Барои таълимот оид ба каҳонати умумӣ дар Чехия Ян Гус мубориза бурд ва ҳалок шуд; ва то ба ҳозир рамзи пайравони Ян Гус ҷоми Шоми Худованд дар болои Навиштаи Муқаддаси кушодашуда мебошад. Маҳз ҳақиқати каҳонати шоҳона ва қобилияти шаҳодат дода тавонистани ҳар як имондор қувваи пешбарандаи Ҷамоат дар ибтидои масеҳият буд. Бе ягон таҷҳизоти ҳозиразамон ва воситаҳои нақлиёт, бе тарҷума ва нашри Калом Хушхабар дар бораи марҳамати Худо тамоми империяи Румро то худи дарбори қайсар, ки дар он ҷо низ масеҳиён буданд, такон дод. Худо моро даъват мекунад, ки ба чунин масеҳият баргардем.*[17]

Шурои пирон ба *ҷасорати Петрус ва Юҳанно* ҳайрон монда буд. Ҳакамон ба эътибор нагирифтани онҳоро чун моҳигирони бесавод ва ҷоҳили ҷалилӣ афзал мешумориданд. Вале чизе дар рафтори онҳо – тамкин, боварӣ ба қувваи худ, шуҷоат – рафтори Исоро дар додгоҳ ба хотири онҳо меовард. Ҷасорати расулонро онҳо бо он далел шарҳ медоданд, ки *онҳо* дар гузашта *ҳамроҳони Исо буданд,* вале шарҳи дуруст чунин аст: онҳо ҳозир аз Рӯҳулқудс пур буданд.

**4,14-18** Боз як вазъияте ки ҳакамонро хиҷил мекард, дар толори маҷлис будани маъюби шифоёфта буд. Худи далели муъҷизаро рад кардан ғайриимкон буд.

Ҷ. Д. Ҷовет менависад:

*Одамон аз шумо дар маҳорати мубоҳиса метавонанд бартарӣ дошта бошанд. Ва дар баҳси ақлӣ шумо метавонед осон ба шикаст дучор оед. Вале агар далели шумо – ҳаёти наҷотдодашуда бошад, пас он раднашаванда аст. «Чун шахси шифоёфтаро диданд, ки назди онҳо истода буд, чизе ба муқобили он гуфта натавонистанд».*[18]

Барои тарзи рафтори минбаъдаро муҳокима намудан онҳо ба муддате Петрус ва Юҳанноро аз маҷлисгоҳ берун карданд. Дар пеши онҳо масъалаи мушкиле меистод: онҳо расулонро барои кори раҳмдилонаи

кардаашон ҷазо дода наметавонистанд, вале агар онҳо ин мутаассибонро нигоҳ надоранд, дини худи онҳо дар зери хатари аз даст додани пайравони худ мемонад. Бинобар ҳамин онҳо ба хулоса омаданд, ки ба Петрус ва Юҳанно бо одамон дар бораи *Исо* дар суҳбатҳои шахсӣ сухан рондан ва дар бораи Ӯ ба таври оммавӣ таълим доданро манъ кунанд.

**4,19-20** *Петрус ва Юҳанно* ба ин гуна маҳдудкунӣ розӣ шуда наметавонистанд. Онҳо ба *Худо* бояд содиқ мемонданд ва дар назди Ӯ ҷавоб медоданд, на дар назди одамон. Ва пирон, агар онҳо худ дар назди худ софдил мебуданд, бояд инро қабул мекарданд. Расулон шоҳиди растохез ва ба осмон рафтани Исо буданд. Онҳо якзайл таълимоти Ӯро гӯш мекарданд. Онҳо вазифадор буданд, ки оид ба Худо ва Наҷотдиҳандаи худ Исои Масеҳ шаҳодат диҳанд.

**4,21-22** Сустии мавқеи пирон дар он ошкор гашт, ки онҳо расулонро ҷазо дода наметавонистанд: ҳамаи *халқ* медонист, ки муъҷизаи некӯкорӣ рӯй додааст. Одамон марди шифоёфтаро, ки *бештар аз чилсола* буд, хуб мешинохтанд, зеро ки онҳо муддати дуру дароз ӯро дар ҳолати ҳузновар дида буданд. Бинобар ҳамин шурои пирон метавонист расулони маҳкумшударо танҳо каме таҳдид карда, ҷавоб диҳад.

**4,23** Мувофиқи фаросати писарони озоди Худо амал карда, расулон ҳамин ки онҳоро ҷавоб доданд, *назди ёрони худ омаданд.* Онҳо мушоракати «рамаи муштоқ ва ҷамъомадаро, ки ягона гуноҳашон Исо буд», ҷустуҷӯ мекарданд ва меёфтанд. Ҳақиқатан ҳам, ҳамеша хислати масеҳӣ бо он санҷида мешуд, ки ӯ дӯстон ва шариконашро дар куҷо меёбад.

**4,24-26** Ҳамин ки имондорон нақли расулонро *шуниданд,* овози худро сӯи Худо бо дуо баланд карданд. Ба *Худо* чун Парвардигор, яъне Ҳокими ҳама чиз (ин калима дар Аҳди Нав хеле кам истифода мешавад) муроҷиат карда, онҳо пеш аз ҳама Ӯро чун Офаридгори ҷаҳон ситоиш мекарданд, яъне аз ҷумла чун Офаридгори он офаринишҳои Ӯ, ки ҳоло ба ҳақиқати Ӯ муқобил меистоданд. Баъд онҳо суханони *Довудро* аз Забур 2 иқтибос меоваранд, ки дар он ӯ аз Рӯҳулқудс илҳом гирифта дар бораи зиддияти ҳокимони заминӣ ба *Масеҳи Ӯ* сухан меронд. Дар асл дар Забур оид ба вақте сухан меравад, ки Масеҳ ба замин меояд, то ки Подшоҳии Худро барпо кунад, ва вақте ки *подшоҳон* ва *мирон* кӯшиш мекунанд ба Ӯ халал расонанд. Вале масеҳиёни аввал мефаҳмиданд, ки вазъияти ҳозираашон монанди он буд, бинобар ин ба он худи ҳамон суханонро истифода бурдан ҷоиз аст. Чӣ тавре гуфта шуда буд, «тақводории ҳақиқии онҳо дар маҳорати худододе ки бо он Навиштаҳои Муқаддасро бо матни дуоҳои худ мепайвастанд, ҳувайдо мегашт».

**4,27-28** Дар ин оятҳо тафсири иқтибос аз Забур баён ёфтааст. Дар ин ҷо, дар Уршалим, бар зидди *Бандаи муқаддаси Худо Исо*[19] румиҳо ва яҳудиён муттаҳид шуданд. *Ҳиродус* яҳудиёнро намояндагӣ мекард, *Пилотус* бошад аз номи ғайрияҳудиён амал мекард. Оят ғайричашмдошт ба охир мерасад. Шикояти масеҳиёнро ба он интизор шудан мумкин буд, ки ин ҳокимон барои амалӣ кардани нақшаҳои худ, ки дар дилҳои фосидашон тавлид ёфтаанд, муттаҳид шудаанд. Оят ба ҷои ин тасдиқ менамояд, ки онҳо *барои он ҷамъ шуданд, то он чиро, ки дасти Худо ва нақшаи Ӯ пешакӣ муқаррар карда буд, ба ҷо оваранд.*

Мэтсон инро чунин шарҳ медиҳад:

*Дар ин ҷо ғоя чунин аст: кӯшиши ба иродаи Худо муқобил баромадан ба он оварда расонд, ки он ғалаба кард ... Онҳо барои бар зидди Масеҳ ҷанг кардан муттаҳид гаштанд, вале нафаҳмида танҳо ба инкишофи шуҳрати Ӯ мусоидат намуданд ... Худои мо туфонеро, ки бар зидди Ӯ бармехезад, ором намекунад; Ӯ онро идора мекунад, ба воситаи он амал мекунад.*[20]

**4,29-30** Ҳамин тариқ боввариашонро ба қувваи пуриқтидори Худо ифода карда, масеҳиён аз Ӯ се чизро хоҳиш карданд:

1. *Ба таҳдидҳои онҳо назар андоз.* Онҳо ҷуръати амр кардан ба Худо надоштанд, ки чӣ хел ин одамони гунаҳкорро ҷазо диҳад ва дар ин масъала пурра ба худи Ӯ бовар карданд.
2. *Ба бандагони Худ ато кун, то бо далерии комил* сухан гӯянд. Бехатарии шахсӣ барои онҳо муҳим нест. Далерӣ дар мавъизаи Калом бештар муҳим буд.
3. *Дар ҳоле ки Ту дасти Худро барои шифо бахшидан дароз мекунӣ.* Дар аввали масеҳият Худо мавъизаи Хушхабарро бо *аломатҳову муъҷизаҳо, ки ба номи Исо ба амал меомаданд,* тасдиқ мекард. Дар ин

ҷо имондорон аз Худо хоҳиш мекунанд мавъизаи расулонро ба ҳамин тариқ тақвият диҳад.

**4,31** *Ҳамин ки дуояшон ба охир расид, макон ба ҷунбиш омад*, ки ифодаи ҷисмонии мавҷудияти қувваи рӯҳонӣ буд. *Ҳама аз Рӯҳулқудс пур* гаштанд, ки ин дар итоати Худо будани онҳоро, зиндагии онҳоро дар нур, фурӯтании онҳоро дар назди Ӯ шаҳодат медиҳад. Онҳо *далерона* гуфтани *каломи Худоро* давом медоданд, ки ин ҷавоб ба дуои онҳо дар ояти 29 буд.

Якчанд маротиба дар китоби Аъмол дар бораи он гуфта мешавад, ки одамон аз Рӯҳулқудс пур мешуданд, ё ин ки пур буданд. Ба мақсадҳо ва натиҷаҳои ин пуршавӣ диққат диҳед:

1. барои гап задан (2,4; 4,8 ва дар ин ҷо);
2. барои хизмат кардан (6,3);
3. барои шубон шудан (11,24);
4. барои фош кардан (13,9);
5. барои мурдан (7,55).

**4,32-35** Дилҳое ки бо муҳаббат ба Масеҳ аланга мезананд, инчунин бо муҳаббат ба якдигар афрӯхта мешаванд. Ин муҳаббат дар омода будан ба бахшиш зоҳир мегардад. Бинобар ин имондорони аввалин воқеияти ягонагии худро дар Масеҳ дар таҷрибаи умумияти молу мулк нишон доданд. Ба ҷои он ки худбинона молу мулки худро дошта истанд, онҳо онро аз они ҳамаи ҷамоат меҳисобиданд. Дар гоҳе ки *эҳтиёҷе* пайдо мешуд, онҳо *замин ё хонаро* мефурӯхтанд ва арзиши фурӯхташударо ба расулон, ки он пулҳоро тақсим мекарданд, меоварданд. Муҳим он аст, ки онҳо ҳар гоҳе ки эҳтиёҷ пайдо мешуд, *медоданд;* ин тақсимоти баробари яккарата ва худсарона набуд.

Ф. В. Грант шарҳ медиҳад:

*Ин радкунии принсипиалии ҳуқуқ ба молу мулки шахсӣ набуд, балки муҳаббате буд, ки ба одам иҷозат намедод, то аз эҳтиёҷи шахси дигар рӯй гардонад. Онҳоро савқи табиии дилҳое роҳбарӣ мекард, ки моликияти ҳақиқии худро дар мавзее ки Масеҳ боло шуда буд, ёфтаанд.*[21]

Фикри мувозии ба дараҷаи муайян истеҳзоомез, вале, мутаассифона, бениҳоят зудзуд тасдиқшавандаро Ф. Е. Марш меорад:

*Ҷамоати пешинаро бо ҷаҳони ҳозираи масеҳӣ муқоиса намуда касе чунин гуфтааст: «Магар дарк кардан аламнок нест, ки агар Луқои инҷилнавис на солҳои аввали масеҳиятро, балки ҳолати ҳозираи онро тасвир мекард, пас Аъмол 4,32-35 тахминан чунин садо медод: Дар бисёрии онҳое ки имондор будани худро изҳор мекунанд, дили сангин ва сиришти бетараҳҳум буд; ва ҳар яке мегуфт, ки ҳама чизе ки ӯ дорад, аз они худи ӯст; ва ҳама чиз дар онҳо аз рӯи муд буд. Ва бо қувваи бузург онҳо дар бораи зебоии ин ҷаҳон шаҳодат медоданд; ва дар ҳамаи онҳо худбинии бузург буд. Ва дар байни онҳо шахсоне бисёр буданд, ки дар онҳо муҳаббат набуд; чунки касоне ки замин доштанд, боз зиёдтар мехариданд, баъзан қисми ками онро ба ҷамъият мебахшиданд, барои он ки номи онҳо дар рӯзномаҳо чоп шавад; ва ба ҳар кас шуҳрат мувофиқи хоҳиши ӯ дода мешуд».* [22]

Дар ҳаёти онҳое ки худро пурра ба Худо бахшидаанд, қувваи ниҳонии ҷалбкунандае амал мекунад. Пас, он чи мо дар ояти 33 мехонем, мувофиқати тасодуфии вазъиятҳо намебошад. Расулон бошанд *бо қувваи бузург* дар бораи растохези Худованд Исои Масеҳ *шаҳодат медоданд; ва дар ҳамаи онҳо файзи* зиёд буд. Чунин менамояд, ки вақте ки Худо одамони молу мулкашонро барои ба ӯ додан тайёрбударо меёбад, Ӯ ба шаҳодати онҳо ҷаззобии бисёр хуб ва қувва илова мекунад.

Аксарият чунин ақида доранд, ки тақсимоти неъматҳои моддӣ танҳо ба давраи муайяни ҳаёти Ҷамоати пешина хос буд ва ба мо ҳамчун намуна набояд хизмат кунад. Чунин фикрронииҳо танҳо қамбағалии рӯҳонии худи моро нишон медиҳанд. Агар дар дили мо қувваи Пантикост мебуд, дар зиндагии мо ҳам меваҳои он фаровон мебуд.

Райрӣ ишорат мекунад:

*Ин «коммунизми масеҳӣ» нест. Фурӯхтани молу мулк кори комилан ихтиёрӣ буд (ояти 34). Ҳуқуқи молу мулк доштан риоя карда мешуд. Ҷамоат ба пулҳои аз фурӯш бадастомада назорат ҷорӣ намекард, то ба он даме ки онҳо ихтиёран ба расулон дода намешуданд. Пулҳо баробар тақсим намешуданд, балки мувофиқи эҳтиёҷ. Ин принсипҳои коммунистӣ намебошанд. Ин хайру эҳсони соф масеҳӣ мебошад.*[23]

Ба ду нишонаи Ҷамоати бузург дар ояти 33 диққат диҳед – *қувваи бузург* ва *файзи бузург.* Венс Давнер чор аломати дигарро номбар мекунад: ҳароси *бузург* (5,5.11); таъқиботи шадид (8,1); шодии *бузург* (8,8; 15,3); шумораи бузурги имондорон (11,21).

**4,36-37** Ин оятҳо бобҳои 4 ва 5-ро ба якдигар мепайванданд. Олиҳимматии *Барнаббо* дар ин ҷо махсус ҳамчун тазод ба дурӯягии Ҳанониё нишон дода шудааст. *Юсуф,* ки *Барнаббо* ном гирифта буд, *аз сибти Левӣ* буд. Левизодагон одатан замин надоштанд; ба Худо хизмат кардан қисмати онҳо буд. Чӣ хел ва барои чӣ ӯ ин заминро ба даст овард, ба мо маълум нест. Вале мо медонем, ки қонуни муҳаббат дар дили *писари тасаллӣ* чунон пурзӯр буд, ки ӯ замини худашро *фурӯхт* ва *пулашро* ба назди пои расулон *гузошт.*

**5,1-4** Дар он ҷое ки Худо корҳои бузурги Худро ба амал меорад, ҳамеша дар наздикӣ *шайтон* ҳозир аст, ки барои фиреб кардан, ба роҳи бад бурдан ва ба ҳамин тариқ барои ба Худо муқобил баромадан лаҳзаи мувофиқро интизор аст. Вале дар он ҷое ки қувваи ҳақиқии рӯҳонӣ вуҷуд дорад, фиреб ва дурӯягӣ тез фош карда мешаванд.

*Ҳанониё ва Сафира* яқинан аз олиҳимматии Барнаббо ва дигарон мутаассир гашта буданд. Эҳтимол, онҳо барои сазовори таърифи одамон шудан кори неки ба ҳамин монандро иҷро кардан мехостанд. Бинобар ҳамин онҳо мулкашонро *фурӯхтанд* ва як қисми пулҳои ба даст омадаро ба расулон доданд. Гуноҳи онҳо дар он буд, ки онҳо гуфтанд, ки ҳамаашро доданд, ҳол он ки дар асл танҳо як қисми пулҳоро оварда буданд. Ҳеҷ кас аз онҳо хоҳиш накарда буд, ки мулкашонро фурӯшанд. Онро фурӯхта, онҳо ба додани ҳамаи пул маҷбур набуданд. Вале онҳо дурӯғ гуфтанд, ки ҳамаашро доданд, ҳол он ки дар асл як қисми онро барои худ нигоҳ дошта буданд.

*Петрус Ҳанониёро* дар дурӯғгӯӣ *ба Рӯҳулқудс* айбдор кард, на танҳо *ба одамон. Ба Рӯҳулқудс дурӯғ* гуфта, ӯ *ба Худо дурӯғ гуфт,* зеро ки *Рӯҳулқудс Худост.*

**5,5-6** Дар ин лаҳза *Ҳанониё ҷон дод* ва *ҷавонон* ӯро барои дафн кардан бароварданд. Ин амали ҷиддии дасти ҷазодиҳандаи Худо дар ҷамоати аввалин буд. Вале ин онро ифода намекард, ки Ҳанониё аз наҷоти ҷовидонӣ маҳрум гашт. Аниқтараш, ҳамин тарз Худо норозигии Худро ба аломатҳои аввалини гуноҳ дар Ҷамоати Ӯ ифода кард. «Чӣ хеле ки яке аз тафсиркунандагон мухтасар баён намуд – иқтибос меорад Ричард Бюис,– ё Ҳанониё, ё Рӯҳ бояд равад». Муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар ҷамоатҳои масеҳиёни аввал он қадар соф буданд, ки чунин дурӯғ дар онҳо вуҷуд дошта наметавонист.

**5,7-11** Пас *аз се соат,* вақте ки Сафира омад, *Петрус* ӯро дар забон як кардан бо шавҳараш ва *фиреб додани Рӯҳи Худованд* гунаҳкор кард. Ӯ дар бораи тақдири шавҳараш ба ӯ гуфта, пешгӯӣ кард, ки ӯро низ ҳамон тақдир интизор аст. *Ногаҳон вай* афтоду мурд ва ӯро барои дафн кардан бароварданд.

Қобилияти ҳукм бароварда тавонистани Петрус ба ин ҷуфт – намунаи қувваи муъҷизаноки махсуси ба расулон додашуда мебошад. Эҳтимол, ин иҷро шудани ваъдаи Худо буд: «... касеро, ки [гуноҳҳояшро] афв накунед, бахшида намешавад» (Юҳ. 20,23). Худи ҳамон қувва дар он намудор мегардад, ки Павлус ҳуқуқ дошт масеҳии гунаҳкоргаштаро барои ҳалокати ҷисмаш ба шайтон супорад (1Қур. 5,5). Асосе нест, то тахмин кунем, ки ин қувва боз ба ягон каси дигар, ба ғайр аз расулон, дода шуда бошад.

Тасаввур кардан мумкин аст, ки имондоронро ва ҳамаи онеро, ки дар бораи ин ду марг бохабар мешуданд, чӣ гуна ҳисси тарси эҳтиромомез фаро гирифт.

**5,12-16** Баъд аз марги Ҳанониё ва Сафира расулон муъҷиза ба вуҷуд оварданро давом медоданд ва мардум дар гирди онҳо дар *айвони Сулаймон* ҷамъ меомаданд. Ҳисси ҳузур доштани Худо ва қувваи Ӯ он қадар намоён буд, ки одамон ба ҳамроҳ шудан ба онҳо, ё ин ки саросема худро имондор эълон кардан ҷуръат намекарданд. Ва ба он нигоҳ накарда одамони одӣ *онҳоро ситоиш мекарданд,* бисёриҳо ба Худованд Исо имон меоварданд. Мардум *беморонро ба кӯчаҳо бароварда болои бистарҳо ва катҳо мегузоштанд, то ки вақти гузашта рафтани Петрус ҳеҷ набошад сояи ӯ ба баъзеи онҳо афтад.* Ҳама медиданд, ки дар зиндагии расулон қувваи воқеӣ намудор мешавад ва ба воситаи онҳо Худо дигаронро баракат медиҳад. Инчунин аз шаҳрҳои атроф *беморон* ва гирифторони рӯҳҳои нопок меомаданд ва *ҳамаи онҳо шифо меёфтанд.*

Аз Ибриён 2,4 аён аст, ки муъҷизаҳои ба ин монандро Худо барои тасдиқ кардани хизмати расулон истифода бурдааст. Вале вақте ки Аҳди Нав навишта шуд, зарурат ба чунин *аломатҳо* ба дараҷаи хеле зиёд аз байн рафт. Агар сухан дар бораи «маҷлисҳои шифоёбӣ»-и ҳозира равад, зикр намудан кофист,

ки аз онҳое ки ба назди расулон меоварданд, ҳама шифо меёфтанд. Инро дар бораи ба ном табибони динии ҳозира гуфтан намешавад.

**5,17-20** Хизмати ҳақиқии Рӯҳулқудс аз як тараф ба имон овардан, ва аз тарафи дигар ба зиддияти тезу тунд мебарад. Дар ин ҷо ҳам чунин буд. *Саркоҳин* (эҳтимол Қаёфо) ва саддуқиёни дӯстони ӯ ба ғазаб омаданд, чун диданд, ки ин мутаассибон – шогирдони Исо – дар байни мардум чунин обрӯву эътибор доранд. Онҳо дар ғазаб буданд, чунин шароит ба мақоми онҳо ҳамчун роҳбарони ягонаи дин таҳдид мекард. Махсусан мавъизаи растохези ҷисмонӣ, ки онро онҳо, албатта, комилан рад мекарданд, дар онҳо ғазаби зиёдеро ба вуҷуд меовард.

Фақат бо зӯрӣ метавонистанд аз уҳдаи расулон бароянд, бинобар ин онҳо фармон доданд, ки расулонро ҳабс карда, ба *зиндон* шинонанд. Худи ҳамон *шаб Фариштаи Худованд* расулонро аз зиндон баровард ва амр фармуд ба онҳо *ба ибодатгоҳ* баргашта *ҳама суханони ҳаётро ба ин қавм гӯянд*. Луқо дар бораи мудохилаи *фаришта* маълумот дода, бо вуҷуди ин на ҳайратро изҳор кард ва на тааҷҷуби одиро. Худи расулон ҳайрон шуда бошанд ҳам, дар қисса дар ин бора ягон чиз гуфта нашудааст.

*Фаришта* масеҳиятро хеле мувофиқ *ин ҳаёт* номид. Масеҳият на танҳо эътироф ё маҷмуи таълимот, балки Ҳаёт – ҳаёти растохез дар Худованд Исо мебошад, ки ба ҳамаи онҳое ки ба Ӯ имон доранд, ато карда мешавад.

**5,21** Субҳидам расулон аллакай *дар ибодатгоҳ* таълим медоданд. Дар ин вақт *саркоҳин шурои пирон* ва *ҳамаи пиронро* даъват карда, интизори *овардани* зиндониён буд.

**5,22-25** Вале *нигаҳбонон* ошуфта баргашта ба ҳакамон хабар доданд, ки дар зиндон муназзамии комил ҳукмфармост, ба ғайр як чиз – зиндониён ғайб задаанд. Дарҳо бояду шояд *баста* буданд ва ҳамаи *посбонон пеши дар истода буданд* – танҳо зиндониён набуданд. Чунин хабар, албатта, ғамгин накарда намемонд. «Ҳамаи ин чӣ оқибате дошта бошад? – *фармондеҳи ибодатгоҳ* ва *саркоҳин* дар ҳайрат буданд. Ин ҳаракат дар халқ то ба куҷо меравад?» Сипас саволҳои онҳо қатъ гардид, зеро шахсе омада хабар дод, ки зиндониёни гуреза аз нав *дар ибодатгоҳ истода халқро таълим медиҳанд*. Мардонагии онҳо моро бояд ба ваҷд орад. Ба мо лозим аст, ки ҳатман қобилияти барои эътиқод ба алам тоқат кардани масеҳиёни аввалро аз нав омӯзем.

**5,26** *Нигаҳбонон* рафта расулонро бе зӯроварӣ ба шуро оварданд. *Онҳо метарсиданд,* ки *қавм* онҳоро сангсор мекунад, агар онҳо бо ин пайравони Исо, ки одамони зиёди одӣ ин қадар эҳтиромашон мекарданд, ошкоро дағалона муносибат кунанд.

**5,27-28** Аввалин шуда *саркоҳин* сухан гирифт: *«Оё шуморо бо ҷиддият нафармудаем, ки ба ин ном таълим надиҳед?»* Ӯ аз гирифтани номи Худованд Исои Масеҳ қасдан худдорӣ мекард. *«Ва инак шумо Уршалимро бо таълимоти худ пур кардаед»*. Худаш инро нахоста, ӯ ба таъсирбахшии хизмати расулон баҳои баланд дод. *«Мехоҳед хуни Он Одамро ба гардани мо бор кунед»*. Вале пешвоёни халқи яҳудӣ аллакай чунин карданд, вақте ки гуфтанд: «Хуни Ӯ бар гардани мо ва фарзандони мо бошад» (Мат. 27,25).

**5,29-32** Якчанд оят пештар расулон барои далерӣ дар мавъизаи Калом дуо мекарданд. Ин далерӣ ба онҳо аз боло дода шуда буд ва акнун онҳо исрор мекарданд, ки *«Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод»*. Онҳо бо қатъият гуфтанд, *Исоро* ки яҳудиён Ӯро ба чӯб *овехта кушта буданд, Худо бархезонд ва Худо Ӯро ба дасти рости Худ боло бардошта Сарвар ва Наҷотдиҳанда гардонд*. Ва чунон ки ҳаст, Ӯ омода аст *ба Исроил тавба ва бахшоиши гуноҳҳоро диҳад*. Ҳамчун зарбаи охирин расулон илова карданд, ки онҳо худашон *шоҳидони Ӯ бар ин корҳо ҳастанд* ва ҳамчунин *Рӯҳулқудс* шаҳодат медиҳад, ки *Онро Худо ба фармонбардорони Худ,* ба имондорони Писари Ӯ бахшидааст.

Ифодаи *Худо Исоро бархезонд* (о. 30) ба таҷассумёбӣ ва ё зиндашавии Ӯ дахл дошта метавонад. Эҳтимол, дар ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки *Худо* Ӯро дар ҷисм бархезонд, то *Наҷотдиҳанда* шавад.

**5,33-37** Фошкуние ки дар суханони ин одамони таҷассумкунандаи виҷдон садо медод, он қадар асоснок буд, ки пешвоёни яҳудӣ *қасд карданд онҳоро кушанд*. Дар ин лаҳза Ҷамлиил ҳамроҳ шуд. Ӯ яке аз муаллимони хеле муҳтарами Исроил, *муаллими шариати*

Шоули тарсусӣ буд. Маслиҳате ки ӯ дод, онро ифода намекунад, ки ӯ масеҳӣ буд ё ба онҳо таваҷҷуҳ дошт; фақат дар ӯ ҳикмати зиндагӣ буд.

Ба бурдани *расулон* фармон дода, ӯ пеш аз ҳама ба шурои пирон огоҳӣ дод, ки агар ин ҳаракат *аз Худо* набошад, он ба наздикӣ шикаст мехӯрад. Барои тасдиқ ӯ ба ду далел такя мекард: 1) *Тавдо* ном қаллоб наздик ба *чорсад нафар* пайравони худро ҷамъ кард, вале *кушта шуд* ва одамонаш *пароканда шуданд;* 2) *Яҳудои Ҷалилӣ* шӯриши бемуваффақият бардошт ва вай низ *кушта шуда, пайравонаш пароканда шуданд.*

**5,38-39** *Агар* ин дини масеҳӣ *аз Худо* намебуд, қарори беҳтарин онҳоро ба ҳоли худ *гузоштан* мебуд ва дар он вақт ҳаракат тадриҷан худаш хомӯш мегашт. Мубориза бурдан бо он – яъне онро мустаҳкам кардан мебошад. (Ин далел на ҳамеша дуруст аст. Аксарияти ташкилотҳои бехудоёна асрҳо вуҷуд доранд ва инкишоф меёбанд. Зиёда аз он, онҳо нисбат ба ҳақиқат пайравони зиёдтарро ҷамъ мекунанд. Аммо ҳатто агар таърихи инсоният ин далелро тасдиқ накунад ҳам, он барои солшумории илоҳӣ – ҷовидонӣ – дуруст аст.)

Аз тарафи дигар, давом медод Ҷамлиил, *агар* ин ҳаракат *аз Худо* бошад, онҳо онро *барҳам дода наметавонанд* ва дар вазъияти нозук афтоданашон мумкин аст, зеро ки мухолифи *Худо* мешаванд.

**5,40** Ин мантиқ ба ҳокимон эътимоднок намуд ва онҳо расулонро *ҷеғ зада оварда* фармуданд*, ки зананд* ва минбаъд *ба номи Исо* ҳарф заданро ба онҳо манъ карда *онҳоро озод намуданд.* Ин ҷазои бемаънӣ ва беадолатона фақат аксуламали бефикронаи дилҳои бетоқат ба ҳақиқати Худо буд.[24] Фармоне ки баъд аз ин зарбу лат дода шуд, инчунин беақлона ва бемаънист: Онҳо ба расулон *ба номи Исо* ҳарф заданро манъ карданд – ҳамчунин онҳо метавонистанд офтобро аз тобидан манъ кунанд.

**5,41-42** Зарбу лати ба сари расулон омада ба ду натиҷаи ғайричашмдошт оварда расонд. Аввал ин ки он дар расулон хурсандии зиёдро ба вуҷуд овард, зеро ки *ба хотири номи* Оне[25] ки дӯсташ медоштанд, *сазовори беҳурматӣ гардиданд.* Сонияи, ин зарбу лат расулонро боз ҳам зиёдтар рӯҳбаланд намуд ба он ки *ҳар рӯз дар ибодатгоҳ ва дар хонаҳо* боэҳтимом ва суботкорона *дар бораи Исои Масеҳ таълим ва башорат диҳанд.*

Ба ҳамин тариқ, шайтон бори дигар худро фиреб дод.

---

## МАСЕҲӢ ВА ҲУКУМАТ

Ба андозае ки масеҳиёни аввалин Хушхабарро мавъиза карда, пеш мерафтанд, ихтилофи онҳо бо ҳукумат ногузир мегашт, хусусан бо ҳукумати динӣ, ки дар доираи ҳуқуқи онҳо қисми зиёди корҳои шаҳрвандӣ воқеъ буд. Имондорон ба ин гуна ихтилоф тайёр буданд ва ба он оромона ва бо тамкин эътибор медоданд.

Умуман масеҳиён кӯшиш мекарданд ҳокимони худро ҳурмат кунанд ва ба онҳо итоат кунанд, зеро ки ҳокимият аз тарафи Худо барқарор шудааст ва барои беҳбудии ҷамъият хизмат мекунад. Ҳамин тавр, вақте ки Павлус надониста саркоҳинро гунаҳкор кард ва барои ин ба ҷавобгарӣ кашида шуд, у бетаъхир бахшиш пурсида, аз Хуруҷ 22,28 иқтибос овард: «Ба пешвои қавми худ носазо нагӯй» (Аъм. 23,5).

Лекин вақте ки қонунҳои одамон бо фармонҳои Худо мухолифат мекарданд, он гоҳ масеҳиён дидаву диониста ба ҳокимон итоат накарданро афзал мешумурданд ва натиҷаи ин саркаширо, новобаста ба он ки онҳо чӣ гуна буданд, таҳаммул мекарданд. Масалан, вақте ки ба Петрус ва Юҳанно мавъизаи Хушхабарро манъ карданд, онҳо ҷавоб доданд: «Худатон ҳукм кунед, оё дар назари Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем? Мо наметавонем аз гуфтани он чи дидаем ва шунидаем, даст кашем» (4,19. 20). Ва ҳангоме ки Петрус ва расулонро ба он гунаҳкор карданд, ки онҳо таълим доданро аз номи Масеҳ давом додаанд, Петрус ҷавоб дод: «Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод» (5,29).

Ҳеҷ гуна ишорате нест, ки онҳо ягон вақт ба сарнагун кардани ягон ҳокимият кӯшиш карда бошанд, ё ба чунин кор ҳамроҳ шуда бошанд. Ба фишор ва таъқибот нигоҳ накарда онҳо ба ҳокимони худ фақат хубӣ мехостанд (26,29).

Худ аз худ маълум аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ то ба дараҷаи ягон амали бешармона паст намефаромаданд, то ки таваҷҷуҳи ҳокимонро ба даст оваранд. Ҳоким Феликс, масалан, беҳуда кӯшиш мекард аз Павлус пора гирад (24,26).

Онҳо намепиндоштанд, ки татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бо вазифаи масеҳӣ мувофиқат намекунад (16,37; 21,39; 22,25-28; 23,17-21; 25,10.11).

Ба ин нигоҳ накарда онҳо ба муборизаи сиёсии ин ҷаҳон мудохила намекарданд. Чаро? Ба ин ҳеҷ гуна шарҳу эзоҳ дода намешавад. Вале як чиз аён аст: ин одамон танҳо як мақсад доштанд – мавъизаи Хушхабари Масеҳ. Ва онҳо пурра ба ин кор дода мешуданд. Онҳо шояд чунин мепиндоштанд, ки Хушхабар – ҷавоб ба ҳамаи муаммоҳои башарият мебошад. Ин ақида он қадар пурқувват буд, ки онҳо бо амалҳои нисбатан хурд, ба монанди сиёсат, қонеъ шуда наметавонистанд.

---

**6,1** Агар шайтон ягон чизро бо ҳамлаҳои беруна барҳам дода натавонад, ӯ кӯшиш мекунад бо ёрии ҷангҳои дохилӣ нест кунад, ки оятҳои оянда инро нишон медиҳанд.

Дар ибтидои масеҳият анъанае буд, ки ҳар рӯз ба бевазанони камбағали ҷамоати ҷамоатӣ, ки дигар манбаи даромад надоштанд, маблағи муайянеро тақсим мекарданд. Баъзе имондорон, яҳудиёни юнонизабон, норозигӣ баён карданд, зеро онҳо чунин мешумурданд, ки *бевазанони онҳо* назар ба бевазанони *ибронӣ* (аз Уршалим ва Яҳудо) камтар мегирифтанд.

**6,2-3** *Дувоздаҳ* расулон мефаҳмиданд, ки бо инкишофи Ҷамоат зарурияти қабули баъзе чораҳо ба вуҷуд меояд, ки барои ҳамин қабил корҳоро ба сомон расонидан имконият медоданд. Худи онҳо аз хизмати *каломи Худо* дур шуда, бо таъмини ризқу рӯзӣ машғул шудан намехостанд, бинобар ин ба ҷамоат маслиҳат доданд, ки *ҳафт одами аз Рӯҳ пур* бударо, ки бо корҳои хоҷагии Ҷамоат машғул мешаванд, интихоб намоянд.

Ҳарчанд дар Навиштаи Муқаддас ин одамон «диакон» номида нашудаанд, мо бо итминони комил онҳоро чунин шумурда метавонем. Дар ибораи «хизмати таъмини ризқу рӯзӣ» калимаи «хизмат кардан» («диаконео») аз номи «диаконос» – «хизматгор» сохта шудааст, ки дар забони русӣ калимаи «диакон»-ро ба вуҷуд овардааст. Ҳамин тариқ, вазифаи онҳо айнан ташвишу тараддуди мизбонӣ буд.

Онҳо бояд ба се талабот ҷавоб медоданд:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | *Некном* бошанд | – баобрӯ |
| 2. | *Аз Рӯҳулқудс пур* бошанд | – рӯҳонӣ |
| 3. | *Пурҳикмат* бошанд | – таҷрибанок |

Тавсифи васеътари диаконҳо дар 1Тимотиюс 3,8-13 дода шудааст.

**6,4** Расулон доимо *бо дуо ва хизмати каломи Худо машғул* буданд. Дар ин ҷо маҳз чунин тартиб муҳим аст: аввал *дуо,* баъд таълими *каломи* Худо. Пеш аз он ки бо одамон дар бораи Худо гап зананд, онҳо бо Худо дар бораи одамон гап мезаданд.

**6,5-6** Аз рӯи номҳои ҳафт каси интихобшуда гуфтан мумкин аст, ки аксари онҳо то имон овардан яҳудиёни юнонизабон буданд, ки чун амали иродаи нек нисбат ба норозиён баҳо додан мумкин аст. Аз ин лаҳза аз тарафи онҳо ҳеҷ гуна гунаҳкорӣ дар ғаразнокӣ наметавонист садо диҳад. Вақте ки дили одамон бо муҳаббат ба Худо пур мешавад, он бар майдагапӣ ва худбинӣ ғалаба мекунад.

Ба мо фақат ду диакон нағз маълуманд – *Истефанус,* ки аввалин риёзаткаш шуд ва *Филиппус,* муждабаре ки баъдтар Хушхабарро ба Сомара овард, хоҷасарои ҳабаширо барои Масеҳ ба даст овард ва дар Қайсария дар хонааш Павлусро қабул мекард.

Дуо гуфта, расулон интихоби Ҷамоатро маъқул донистанд ва чун ишораи мушоракат бо онҳо бар сари ин ҳафт нафар *даст гузоштанд.*

**6,7** Агар ояти ҳафт дар қаринаи матни оятҳои аввала хонда шавад, худ аз худ хулоса мебарояд, ки барои бурдани корҳои хоҷагӣ таъйин кардани диаконҳо ба пешравии зиёди Хушхабар оварда расонд. Ба андозаи он ки *каломи Худо* инкишоф меёфт, ба ҷамоат дар *Уршалим шогирдони* нав ҳамроҳ мешуданд ва *коҳинони* хеле зиёди яҳудӣ пайрави Худованд Исо гардиданд.

**6,8** Акнун дар маркази қисса яке аз диаконҳо *Истефанус*[26] мебошад, ки боэҳтимом ба Худо хизмат мекард, муъҷизаҳо ба амал оварда мавъиза мекард. Баъд аз расулон дар китоби Аъмол ӯ аввалин одамест, ки дар борааш «ӯ муъҷизаҳо ба амал меовард» гуфта шудааст. Таъйин шуданаш ба хизмати боз ҳам

баландтар натиҷаи хизмати вафодоронаи диаконӣ буд, ё ҳар дуи ин хизматҳоро ӯ якбора иҷро мекард? Матнро ба асос гирифта, ба ин савол ҷавоб додан имкон надорад.

**6,9** Норозигӣ аз кори пуриқтидори Истефанус дар куништ ба вуҷуд омад. Ҷойҳое ки яҳудиён рӯзҳои шанбе дар он барои омӯхтани шариат ҷамъ меомаданд, куништ номида мешуданд. Номи ҳар як куништ дар бораи одамоне ки дар он ҷо ҷамъ меомаданд, маълумот медод. *Либартиниён,* эҳтимол, яҳудиҳо – ғуломони аз румиён озодшуда буданд. *Қайравониён (Қайравон)* – шаҳре дар Африқо, ки аз афти кор, яҳудиёни зодаи он дар Уршалим сокин шуда буданд. Яҳудиёни *искандариягӣ* аслан аз шаҳр-бандари ҳамноми мисрӣ буданд. *Киликия* – музофоти ҷанубӣ-шарқии Осиёи Хурд буд, Осиё – вилояте дар Осиёи Хурд, ки аз се музофот ташкил ёфта буд. Эҳтимол, ҷамоатҳои яҳудиёне ки аслан аз ин ҷойҳо буданд, куништҳои худро дар Уршалим ё назди он доштанд.

**6,10-14** Ин яҳудиёни боэҳтимом, чӣ хеле ки маълум гашт, Истефанусро дар мубоҳисаи кушод мағлуб карда наметавонистанд. Суханҳое ки ӯ мегуфт ва қуввае ки бо он сухан меронд, баҳснопазир буданд. Онҳо ӯро ба хомӯш шудан маҷбур карданӣ шуда, шоҳидони дурӯғинро оварданд, ки онҳо Истефанусро дар куфр гуфтан дар ҳаққи *Мусо ва Худо* гунаҳкор карданд.[27] Дере нагузашта ӯ чун гунаҳкоре ки дар ҳаққи *ибодатгоҳ* ва *шариат* куфр гуфтааст, дар назди шурои пирон меистод. Онҳо гӯё суханони ӯро шунида буданд, ки *Исо* парастишгоҳро *хароб мекунад* ва ҳамаи расму русумеро, ки *Мусо ба Исроил супурдааст,* тағйир хоҳад дод.

**6,15** Шурои пирон айбномаро шунид, вале, ба Истефанус нигоҳ карда онҳо на чеҳраи шайтон, балки *чеҳраи фариштаро медиданд.* Онҳо зебоии пурасрори зиндагиро медиданд, ки пурра дар зери итоати Худо буд ва ба эълони Ҳақиқат бахшида шуда буд; зебоии шахсеро, ки бештар дар ташвиши он аст, ки Худо чӣ фикр мекунад, нисбат ба он ки одамон чӣ гуфта метавонанд. Онҳо партави шуҳрати Масеҳро медиданд, ки дар чеҳраи дурахшони шогирди вафодори Ӯ акс ёфта буд.

Дар боби 7 дар бораи моҳирона сохта шудани ҳимояи Истефанус нақл карда мешавад. Ӯ баромади худро оромона, аз як навъ шарҳи таърихи яҳудиён сар мекунад. Баъд ӯ ба ду шахсият диққатро ҷалб менамояд, Юсуф ва Мусо, ки аз тарафи Худо бардошта шуда буданд, аз тарафи Исроил рад шуда буданд ва баъд ҳамчун озодкунандагон ва наҷотдиҳандагон бардошта шуданд. Ҳарчанд Истефанус онҳоро бо Масеҳ рӯйрост муқоиса накунад ҳам, қиёс дар ин ҷо аён аст. Ва дар охир Истефанус ба танқиди сахти пешвоёни Исроил гузашта, онҳоро ба муқобилат ба Рӯҳулқудс, куштани Росткор ва вайрон кардани шариати Худо гунаҳкор мекунад.

Истефанус, эҳтимол, медонист, ки ҳаёти ӯ дар хатар аст. Барои аз ин хатар халос шудан ба ӯ басанда буд ба мусолиҳа тайёр буданашро нишон диҳад, бо суханони худ кӯшиш кунад доваронро оштӣ диҳад. Вале ӯ бештар ба мурдан тайёр буд, нисбат ба он ки ба имони муқаддаси худ хиёнат кунад. Мардонагии ӯ сазовори мафтун шудан аст!

**7,1-8** Қисми аввали нутқ моро ба сарчашмаи қавми яҳудиёни қадим бармегардонад. Он қадар равшан нест, ки ба Истефанус барои чӣ лозим шудааст ба таърихи Иброҳим чуқуртар ворид шавад, лекин чунин шарҳ додан мумкин аст:

1. Чунин экскурс барои нишон додани бохабарии Истефанус аз таърих ва муҳаббати ӯ ба халқи Исроил зарур буд.
2. Ӯ тадриҷан шунавандагонро ба таърихи Юсуф ва Мусо наздик меовард, дар ҳар ду ҳолат қиёс бо рӯй гардондан аз Масеҳ дида мешуд.
3. Ин таърих метавонист нишон диҳад, ки ихлоси Иброҳим ба Худо писанд буд, ҳарчанд парастиши ӯ дар ягон ҷои муайян мавриди диққат қарор нагирифта буд (Истефанусро дар он, ки ӯ ба муқобили парастишгоҳ – «макони муқаддас» баромад кард, гунаҳгор мекарданд.)

Лаҳзаҳои асосии тарҷумаи ҳоли Иброҳим чунинанд:

1. Худо ба ӯ дар *Байнаннаҳрайн* зоҳир гашт (ояти 2-3).
2. Ӯ аввал ба *Ҳорон* кӯчид ва баъд ба Канъон (ояти 4).
3. Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки ба ӯ барои мулкдорӣ замин медиҳад, ҳарчанд худи падаркалон як ваҷаб ҳам замин надошт, ки онро зарурати харидани ғори

Макфело чун ҷои дафн кардан исбот мекунад (ояти 5). Иҷроиши ин ваъда ҳоло кори оянда аст (Ибр. 11,13-40).

4. Худо дар бандагии мисриён мондани Исроил ва дар оянда озод шудани онҳоро пешгӯӣ кард (ояти 6.7). Ҳар ду қисми ин пешгӯиро одамоне ба ҷо оварданд, ки пеш аз тарафи қавм рад шуда буданд: Юсуф (ояти 9-19) ва Мусо (ояти 20-36). *Чорсад сол, ки* дар ояти 6 ва дар Ҳастӣ 15,13 гуфта шудааст – вақтест, ки дар тули он қавми яҳудӣ дар Миср *азоб* мекашид. Чорсаду сӣ соли дар Хуруҷ 12,40 ва Ғалотиён 3,17 ишорашуда тамоми давраи аз муҳоҷирати Яъқуб ва насли ӯ ба Миср то хуруҷ ва дода шудани шариатро дар бар мегирад. Исроилиҳо дар давоми сӣ соли аввали зиндагӣ дар Миср таъқиб карда намешуданд, дар ҳақиқат бо онҳо комилан бо эҳтиром муносибат мекарданд.
5. *Аҳди хатна* (ояти 8).
6. Зода шудани *Исҳоқ,* баъд *Яъқуб,* ва баъд *дувоздаҳ нахустпадар* (ояти 8). Ҳамин тавр таърих ба қисса дар бораи Юсуф, яке аз дувоздаҳ писарони Яъқуб наздик мешавад.

**7,9-19** Аз ҳамаи тимсолони Масеҳ дар Аҳди Қадим *Юсуф* – яке аз дурахшонтарин ва писандидатарин аст, ҳарчанд дар ин бора рӯйрост гуфта нашудааст. Албатта, яҳудиён нутқи Истефанусро шунида, гуноҳи худро дақиқ фаҳмиданд: вақте ки ӯ ба онҳо баъзе ҳодисаҳоро аз ҳаёти Юсуф хотиррасон кард, онҳо онро ба ёд оварданд, ки бо Исои Носирӣ чӣ кор карданд.

1. *Юсуф* аз тарафи бародаронаш *ба Миср фурӯхта* шуд (ояти 9).
2. Аз тарафи онҳо рад шуда, ӯ дар *Миср* ҳокимият ва қудратро ба даст овард (ояти 10).
3. Бародарони Юсуфро *қаҳтӣ* маҷбур кард, ки ба *Миср* оянд, вале онҳо бародари худро нашинохтанд (оятҳои 11.12).
4. *Бори дуюм Юсуф худро* ба онҳо *шиносонд.* Ҳамон вақт радшуда наҷотдиҳандаи оилаи худ гашт (оятҳои 13.14). Бояд зикр кунем, ки дар байни рақамҳои *ҳафтоду панҷ* нафар (ояти 14) ва ҳафтод (Ҳас. 46,27) мухолифати зоҳирӣ вуҷуд дорад. Истефанус ба тарҷумаи юнонии Ҳастӣ 46,27 ва Хуруҷ 1,5, ки дар он рақами ҳафтоду панҷ оварда мешавад, пайравӣ кардааст. Дар матни қадимаи яҳудӣ рақами дигар нишон дода шудааст – ҳафтод. Фарқ танҳо бо тарзи гуногуни ҳисоб кардани аҳли оилаи Яъқуб шарҳ дода мешавад.[28]
5. Марги сарқабилаҳо ва дафн кардани онҳо дар замини Канъон (оятҳои 15.16). Ин оятҳо низ ба шарҳу эзоҳ эҳтиёҷ доранд. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки *Иброҳим* мақбараеро барои дафн кардан аз банӣ *Ҳамӯр* харид. Дар Ҳастӣ 23,16.17 гуфта шудааст, ки *Иброҳим* мағораи Макфелоро дар Ҳебрӯн аз писарони Ҳит харид. *Яъқуб* бошад заминро дар Шакем аз фарзандони *Ҳамӯр* харид (Ҳас. 33,19). Якчанд шарҳи эҳтимолӣ вуҷуд дорад. а) Иброҳим заминро ҳам дар Шакем ва ҳам дар Ҳебрӯн харид. Баъдтар Яъқуб метавонист боз як бор дар Шакем замин харад. б) Истефанус метавонист насли ӯ, Яъқубро Иброҳим номад. в)Истефанус, эҳтимол, барои кӯтоҳбаёнӣ харидуфурӯши Иброҳим ва Яъқубро якҷоя кард.
6. Зиёдшавии оилаи Яъқуб дар *Миср* ва баъд аз марги Юсуф дар зери зулму тааддӣ мондани онҳо (оятҳои 17-19). Ин, албатта, моро ба қисми дигари нутқи Истефанус тайёр мекунад – нақл дар бораи он ки халқи Исроил бо Мусо чӣ муносибат кард.

**7,20-43** Истефанус бо нотарсии нешдор нишон медиҳад, ки то Масеҳ камаш ду дафъа халқи яҳудӣ наҷотдиҳандагонеро, ки Худо барои раҳо ёфтани онҳо боло бардошт, рад карда буд. Мисоли дуюми ӯ *Мусо* аст.

Истефанусро дар он гунаҳгор карданд, ки ӯ дар бораи Мусо куфр гуфт (6,11). Ӯ исбот мекунад, ки гунаҳгори ҳақиқӣ – халқи Исроил аст, ки одами аз тарафи Худо интихобшударо рад кард.

Истефанус лаҳзаҳои асосии ҳаёти Мусоро хотирнишон менамояд:

1. Зода шудан, солҳои аввали зиндагӣ ва тарбия дар Миср (оятҳои 20-22). Ифодаи *«дар сухан қавӣ»* метавонад ба асарҳои хаттии ӯ дахл дошта бошад, зеро худи ӯ худро шахси суханвар намеҳисобид (Хур. 4,10).

2. Бори аввал Мусо аз тарафи *бародаронаш* рад шуда буд, вақте ки яке аз онҳоро тарафгирӣ карда, як *мисриро* кушт (оятҳои 23-28). Таваҷҷуҳ намоед ба ояти 25. Дар он дар бораи он ки чӣ тавр Масеҳ аз тарафи худиҳо рад шуда буд, ёдоварӣ карда мешавад.
3. Гурехтани ӯ ба замини *Мидён* (ояти 29).
4. Худо ба ӯ дар шуълаи *буттаи фурӯзон* зоҳир шуд ва баргашта ба *Миср* фиристод, то ки халқи Худро *наҷот диҳад* (ояти 30-35).
5. Мусо наҷотдиҳандаи миллат гардид (ояти 36).
6. Пешгӯии Мусо дар бораи Масеҳи оянда (ояти 37). «*Мисли ман*» «чунон ки Ӯ маро бархезонд»-ро ифода мекунад.
7. Ӯ чун шариатгузор дар *ҷамоат дар биёбон* баромад мекунад (ояти 38).
8. Мусо бори дуюм аз тарафи халқи худ, ки ба *гӯсолаи* тиллоӣ ибодат мекард, рад карда шуд (ояти 39-41). Дар бораи бутпарастии Исроил муфассал дар оятҳои 42 ва 43 нақл карда шудааст. Бо иддаои он ки *онҳо* ба Худованд *қурбонӣ меоранд,* халқ *хаймаи Малукро* бо худ гирифт, ки парастиши он яке аз ҳама манфуртарин намуди қадимии бутпарастист. Ва онҳо *Римфон,* худои ситорагонро ибодат мекарданд. Худо огоҳонид, ки барои ин гуноҳ онҳо ҷазо мебинанд – асирӣ дар Бобил. Дар оятҳои 42 ва 43 Истефанус китоби пайғамбар Омӯс 5,25-27-ро аз рӯи Септуагинта иқтибос меорад. Ана барои чӣ ӯ мегӯяд, ки бадарға дуртар аз *Бобил* мешавад, на дуртар аз Димишқ. Ҳар ду далел, албатта, дуруст аст.

*Таърих такрор мешавад. Ҳар як насли нав ҳамон як хаторо содир мекунад. Одамон иваз намешаванд. Бо пайғоми Худо рӯ ба рӯ шуда онҳо онро намефаҳманд (ояти 25). Онҳо даъвати бо Ӯ дар осоиш зистанро гӯш кардан намехоҳанд (ояти 27). Раҳонандаи аз ҷониби Худо фиристодашударо рад мекунанд (ояти 39). Аз мусибат наҷот ёфта, онҳо бутҳои бефоидаро аз Худои меҳрубон афзал мешуморанд (ояти 41). Чунин аст табиати одам – саркаш, ношукр, беандеша. Худо иваз намешавад. Худое ки бо Мусо гап зад, Худи Ҳамон Худоест, ки як замоне бо гузаштагони ӯ гап зада буд (ояти 32). Худо мусибати одамонро мебинад (ояти 34). Ва Ӯ ба ёрии онҳо меояд (ояти 34). Ӯ халқи Худро аз марг ба ҳаёт мебарад (ояти 36). Агар касе бо хоҳиши худ Ӯро рад кунад, Ӯ ба хоҳиши он шахс итоат мекунад (ояти 42). Чунин аст Худованди бузурги мо – меҳрубон, тавоно, пок. Ҳар ҳодисае ки рӯй диҳад, Ӯ ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад (Мал. 3,6). Барои шунавандагони Истефанус ин огоҳие буд, ки бо Худо шӯхӣ накунанд, инчунин дилпур намудан ба он ки ҳар як ваъдаи Худо ҳамеша воқеист.*[29]

**7,44-46** Истефанусро дар он айбдор мекарданд, ки ӯ ба муқобили парастишгоҳ баромад мекард. Ӯ ба он рӯзҳое ки халқи Исроил *хаймаи шаҳодат дар биёбон* доштанд, муроҷиат карда ба ин айб ҷавоб медиҳад. Маҳз дар худи ҳамин вақт халқ инчунин ситорагонро парастиш мекард. Вақте ки *Еҳушаъ* ибни Нун исроилиҳоро ба замини Канъон овард ва бутпарастони он ҷо бадар ронда шуданд, *хаймаро* ба ин *мулк* гузарониданд, ки он *то замони Довуд* дар он ҷо монд. Падарон дархост намуданд, то ки *ба Худои Яъқуб маскане* ёбанд ва ҳамин тавр *пеши Худо илтифот ёфтанд.*

**7,47-50** Хоҳиши Довуд, ки сохтани парастишгоҳ барои Худо буд, иҷро нашуд, вале *Сулаймон барои Ӯ хонае сохт.*

Ҳарчанд парастишгоҳ манзили Худо дар байни мардуми Ӯ буд, Худоро бо ин бино маҳдуд карда намешавад. Дар бораи ин Сулаймон дар вақти тақдиси парастишгоҳ фаҳмо гуфтааст (1Подш. 8,27). Пайғамбар Ишаъё инчунин огоҳ карда буд, ки Худо на ба биноҳо, балки ба вазъияти ахлоқӣ ва маънавии одамон аҳамият медиҳад (Иш. 66,1.2). Ӯ дили шикаста ва тавбакардаи одамеро, ки дар назди Сухани Ӯ ба ҳаяҷон меояд, ҷустуҷӯ менамояд.

**7,51-53** Пешвоёни яҳудӣ Истефанусро ба он айбдор карданд, ки ӯ зидди шариат баромад мекард. Акнун ӯ бо айбномаи кӯтоҳ ва фаҳмо ба онҳо ҷавоб медиҳад.

Маҳз онҳо – *гарданкашон,* одамони *соҳибони дилҳо ва гӯшҳои бехатна* ҳастанд. «Ӯ онҳоро на халқи интихобкардаи Худо, балки бутпарастони якрави дилҳояшон ва гӯшҳояшон бехатна меҳисобад». Онҳо писарони шоистаи *падарони* худ буданд, ба монанди онҳо ҳамеша ба Рӯҳулқудс муқобилат нишон медоданд. *Падарони онҳо пайғамбаронро, ки омадани* Масеҳро *пешакӣ хабар дода буданд, таъқиб мекарданд.* Онҳо бошанд ин *Росткорро* таслим карданд ва куштанд. Онҳо халқе

буданд, ки шариатро вайрон кардаанд, худи ҳамон халқе ки он *ба воситаи фариштаҳо* ба онҳо дода шуда буд.

Дигар сухан лозим набуд. Дар ҳақиқат ба ин дигар ҳеҷ чизро илова кардан мумкин нест. Онҳо кӯшиш карданд Истефанусро ба мудофиа кардан маҷбур кунанд. Вале ӯ айбдоркунанда шуд, онҳо бошанд – айбдороне ки гуноҳашон ошкор шудааст.

Баромади ӯ яке аз охирин муроҷиатҳои Худо ба халқи Исроил буд, пеш аз он ки Хушхабар дар байни ғайрияҳудиён паҳн шуданро сар кард.

**7,54-60** Чун Истефанус гувоҳӣ дод, ки *осмонро кушода* мебинад, тӯда дигар ӯро гӯш накард. Онҳо бо овози баланд фарёд зада ба ӯ ҳамла оварданд ва аз шаҳр берун баровarda *сангсор карданд*.

Ва гӯё ки дар омади гап Рӯҳ ҷавонеро, ки ҷомаҳои ҷаллодони ба шӯр омадаро нигаҳбонӣ мекард, зикр мекунад. Номи ӯ *Шоул* буд. Рӯҳ гӯё ки ба мо мегӯяд: «Ин номро дар хотир нигоҳ доред. Шумо онро боз мешунавед!»

Марги Истефанус марги Худованди моро ба хотир меовард:

1. Ӯ дуо мегуфт: *«Эй Худованд Исо! Рӯҳи маро қабул кун»* (ояти 59). Исо бошад чунин дуо мегуфт: «Эй Падар! Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам» (Луқ. 23,46).
2. Ӯ хоҳиш мекард: *«Худовандо! Ин гуноҳро ба ҳисоби онҳо дохил накун»* (ояти 60). Исо бошад дуо мегуфт: «Эй Падар! Инҳоро бахш, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд» (Луқ. 23,34).

Магар ин маънои онро надорад, ки Истефанус ба кори Худованд ҳамроҳ шуда «ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил ёфт, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст» (2Қур. 3,18)?

Баъд ӯ дуо гуфту *ба хоби марг рафт*. Вақте ки калимаи «хобидан» дар Аҳди Нав маргро ифода мекунад, он ба тан дахл дорад, на ба рӯҳ. Рӯҳи имондор дар лаҳзаи марги ӯ ба назди Масеҳ меравад (2Қур. 5,8), тан бошад ба мисли хобида менамояд.

Одатан ба яҳудиён ҳукми қатл баровардан иҷозат дода намешуд, ин ҳуқуқи мустасноии ҳокимони румӣ буд буд. Вале, аз афти кор, дар он ҳолатҳое ки кор ба парастишгоҳ дахл дошт, истисно карда мешуд. Истефанусро дар баромад ба муқобили парастишгоҳ айбдор карданд ва ҳарчанд айбнома асос надошт, яҳудиён ӯро қатл карданд. Худованд Исоро дар он айбдор мекарданд, ки Ӯ таҳдиди вайрон кардани парастишгоҳро мекард (Марқ. 14,58) вале, баёноти шоҳидон ихтилофнок буданд.

## II. ҶАМОАТ ДАР ЯҲУДО ВА СОМАРА (8,1–9,31)

### А. Хизмати Филиппус дар Сомара (8,1-25)

**8,1** Ва аз нав Рӯҳулқудс номи *Шоулро* зикр мекунад. Дар дили ин одами ҷавон аллакай мубoризаи дохилӣ сар мешуд. рӯзҳои ӯ чун душмани даҳшатовари масеҳият ба шумор буданд, ҳарчанд зоҳиран ӯ чунин мемонд. *Шоул ба куштани* Истефанус *розӣ буд,* вале ин ибтидои роҳе гардид, ки дар охири он ӯ таъқибкунандаи асосии масеҳиён буданро қатъ кард.

Давраи нав бо суханҳои: *«Дар он рӯз»* сар мешавад. Чунин менамуд, ки марги Истефанус ибтидои таъқиботи шадиде *бар ҷамоат* гардид. Имондорон *ба ноҳияи Яҳудо ва Сомара пароканда шуданд.*

Худованд ба пайравони Худ вазифа гузошт, ки дар Уршалим шаҳодатро сар кунанд ва баъд амали худро дар Яҳудо, Сомара ва то «канори ҷаҳон» паҳн намоянд. То ба ҳол шаҳодати онҳо танҳо бо Уршалим маҳдуд мегашт. Эҳтимол, онҳо ба васеъ кардани ҳудуди шаҳодат ҷуръат намекарданд. Вале акнун онҳо аз сабаби таъқибот маҷбур буданд Уршалимро тарк намоянд.

Худи *расулон* дар шаҳр монданд. Чунон ки Келлӣ мухтасар зикр кардааст, «боқимондаҳо, албатта, шахсони аз ҳама манфур буданд».

Аз нуқтаи назари одами одӣ, барои имондорон ин рӯзи даҳшатнок буд. Яке аз шариконӣ онҳо кушта шуд. Худи онҳоро, чун харгӯшҳо дунболагирӣ мекарданд. Вале аз нуқтаи назари Худо ин рӯз ҳаргиз торик набуд. Донаи гандум ба замин партофта шуда буд ва бояд ҳосил меовард. Туфонҳои дарду алам тухми Хушхабарро то гӯшаҳои дурдаст паҳн мекард, ва кӣ баҳо дода метавонист, ки ҳосил чӣ гуна мешавад?

**8,2** Номҳои *мардони накӯкор,* ки Истефанусро дафн карда буданд, маълум нестанд.

Эҳтимол, инҳо масеҳиёни то ҳол аз Уршалим ронданашуда буданд. Ва ё, мумкин аст, ин яҳудиёни диндор буданд, ки дар ин мазлум чизеро диданд, ки аз нуқтаи назари онҳо ӯро лоиқи дафн кардани шоиста мегардононд.

**8,3** Ва аз нав номи *Шоул.* Ӯ бо қувваи монданашаванда ба *ҷамоатҳо* зада медаромад, қурбониёни бадбахти худро аз хонаҳо *кашола карда* бароварда онҳоро *ба зиндон меандохт.* Кош ӯ метавонист Истефанусро фаромӯш созад – чӣ гуна салобат, чӣ гуна эътиқоди мустаҳкам, чеҳраи фаришта. Ӯ бояд ин хотиротро решакан намояд, ва ӯ ҳаммазҳабони Истефанусро боз ҳам шиддатноктар таъқиб намуда, кӯшиш мекард ин корро кунад.

**8,4-8** Пароканда шудани масеҳиён ба шаҳодати онҳо халал нарасонид. Дар ҳама ҷойҳое ки онҳо меомаданд, онҳо Хушхабарро дар бораи наҷот меоварданд. *Филиппус,* яке аз диаконҳо, ки дар боби 6 номбар шудааст, ба шимол ба *як шаҳри Сомара* рафт. Ӯ на танҳо дар бораи Масеҳ нақл мекард, балки *мӯъҷизаҳои* зиёде ба амал меовард. Аз девзадаҳо *рӯҳҳои нопок* берун мешуданд, *шалону лангон шифо меёфтанд.* Мардум ба Хушхабар *гӯш мекарданд,* ва дар натиҷа, чунон ки чашмдор шудан мумкин буд, *шодии бузурге* падид омад.

Масеҳиёни аввалин амрҳои аз тарафи Исои Масеҳ аниқ гуфта шударо иҷро мекарданд:

Онҳо аз шаҳр берун рафтанд, ба монанди Масеҳ, ки аз он рафт. (Юҳ. 20,21; бо Аъм. 8,1-4).

Онҳо молу мулки худро фурӯхта, ба камбағалон садақа медоданд (Луқ. 12,33; 18,22; бо Аъм. 2,45; 4,34).

Онҳо падар, модар, хона ва заминҳоро монда, дар ҳама ҷо рафта суханро мавъиза менамуданд (Мат. 10,37; бо Аъм. 8,1-4 муқоиса кунед).

Онҳо шогирдон пайдо карда, онҳоро ба меҳнат ва итоат таълим медоданд (Мат. 28,18.19; бо 1Тас. 1,6).

Онҳо салиби худро гирифта аз ақиби Исо мерафтанд (Аъм. 4; 1Тас. 2).

Онҳо дар таъқибот шод буданд (Мат. 5,11.12; бо Аъм. 16; 1Тас. 1,6-8 муқоиса кунед).

Онҳо мурдагони худро ба мурдагон гузошта худашон рафта, Хушхабарро мавъиза менамуданд (Луқ. 9,59.60);

Агар одамон онҳоро гӯш накунанд ва қабул накунанд, онҳо ғубори пойҳои худро мeафшонданд ва ба пеш мерафтанд (Луқ. 9,5; бо Аъм. 13,51 муқоиса кунед).

Онҳо беморонро шифо медоданд, рӯҳҳои нопокро меронданд, мурдагонро зинда мекарданд ва имони онҳо натиҷаҳои устувор меовард (Марқ. 16,18; Аъм. 3,16).[30]

**8,9-11** Дар байни шунавандагони маълумтарини Филиппус ҷодугар *Шимъун* буд. Ӯ худаш *пеш аз ин* мардуми *Сомараро* бо санъати соҳириаш ба ҳайрат оварда буд. Ӯ худро *шахси бузурге вонамуд* мекард ва баъзе одамон дар ҳақиқат боварӣ доштанд, ки ӯ *қуввати азими Худост.*

**8,12-13** Вақте ки аксари одамон ба мавъизаи *Филиппус бовар карданд* ва таъмид гирифтанд, *Шимъун* низ худро масеҳӣ[31] эълон намуда *таъмид гирифт* ва пайрави *Филиппус* шуд, зеро мафтуни *мӯъҷизаҳое* гашта буд, ки ӯ ба амал меовард.

Аз воқеаҳои баъдина аён мегардад, ки Шимъун аз олами боло зода нашуда буд. Ӯ имонро эътироф кард, вале онро соҳиб набуд. Мавъизакунандагони наҷот ба воситаи таъмид дар ин ҳолат дар вазъияти ноҳинҷор мемонанд. Шимъун таъмид гирифт, вале бо ин ҳама гунаҳкор монд.

Диққат диҳед, ки *Филиппус дар бораи Подшоҳии Худо ва номи Исои Масеҳ башорат дод. Подшоҳии Худо* соҳаест, ки дар он Худо ҳоким аст. Дар замони ҳозира Подшоҳ нест, ва ба ҷои Подшоҳии заминӣ дар ҳаёти онҳое ки ба Ӯ содиқанд, Подшоҳии рӯҳонӣ, диданашавандаи Худо ҳаст. Дар оянда Подшоҳ ба замин бармегардад, то ин ки Подшоҳии ҳақиқиро бо пойтахташ дар Уршалим барқарор намояд. Барои дар ҳақиқат ба Подшоҳӣ дар ҳар шакли он ворид шудан одам бояд аз олами боло зода шавад. Имон ба *номи Исои Масеҳ* – роҳ ба ин зодашавӣ аст. Бешубҳа, маънои умумии мавъизаи Филиппус чунин буд.

**8,14-17** Вақте ки хабар дар бораи он ки сомариён бо шавқ *каломро қабул кардаанд,* то ба расулон дар Уршалим расид, *Петрус ва Юҳанноро назди онҳо фиристоданд. Чун омаданд,* имондорон аллакай *ба номи Худованд таъмид ёфта буданд,* вале *Рӯҳ ҳанӯз бар онҳо фуруд наомада буд.* Зоҳиран, расулон аз роҳнамоии Худо дастур гирифта *дуо гуфтанд,* то ки ин имондорон *Рӯҳулқудсро қабул*

*кунанд, ва дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд.* Ҳамин ки ин кор карда шуд, сомариён *Рӯҳулқудсро қабул карданд.*

Вобаста ба ин якбора саволе ба миён меояд: Аз чӣ сабаб дар пайдарпайии ҳодисаҳо дар ин ҷо ва дар рӯзи Пантикост фарқ дида мешавад? Дар рӯзи Пантикост яҳудиён:

1. Тавба карданд.
2. Таъмид гирифтанд.
3. Рӯҳулқудсро қабул карданд.

Сомариён бошанд:

1. Имон оварданд;
2. Таъмид гирифтанд;
3. Расулон барои онҳо дуо гуфтанд ва дастҳои худро бар онҳо гузоштанд;
4. Онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд.

Ба як чиз мо метавонем боварӣ дошта бошем: ҳамаи онҳо танҳо бо имон ба Исо наҷот ёфтанд. Ӯ ягона роҳи наҷот аст. Вале дар ин давраи гузариш аз дини яҳудӣ ба масеҳият Худо дар гурӯҳҳои гуногуни имондорон ҷудогона амал кард. Имондорони нажодашон яҳудӣ бояд пеш аз он ки Рӯҳулқудс бар онҳо фуруд ояд, таъмид ёфта, аз халқи яҳудӣ ҷудо мешуданд. Ба сомариён бошад дуои махсус ва даст гузоштани расулон лозим шуд. Чаро?

Эҳтимол, ҷавоби беҳтарин ба ин савол чунин аст: ин бояд ягонагии Ҷамоатро, ки ба он ҳам яҳудиён ва ҳам сомариён дохил буданд, нишон медод. Хатари ҳақиқии он вуҷуд дошт, ки дар байни имондорони Уршалим ғояи бартарияти яҳудиён нигоҳ дошта мешуд ва онҳо чун пешина метавонистанд кӯшиш намоянд, ки бо бародарони сомарӣ ҳеҷ гуна умумияте надошта бошанд. Барои пешгирӣ намудани ихтилоф, ё ин ки ҳатто ақида оид ба ду ҷамоат (яке – яҳудӣ, дуюм – сомарӣ), Худо расулонро барои ба сари сомариён даст гузоштан фиристод, ки ин якшавии пурраро чун имондорон ба Худованд Исо ифода мекард.

Вақте дар ояти 16 гуфта мешавад, ки *онҳо танҳо ба номи Масеҳ Исо таъмид ёфта буданд* (ниг. инчунин 10,48 ва 19,5), ин онро ифода намекунад, ки ин таъмид аз таъмиди «ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс» (Мат. 28,19) ягон хел фарқ дошта бошад. «Луқо тасвияи истифодашударо айнан такрор намекунад, – менависад В. Е. Вайн, – фақат фактҳои таърихиро зикр менамояд». Ҳар дуи гуфтаҳо садоқат ва шабоҳатро ифода мекунанд ва ҳамаи имондорони ҳақиқӣ вафодории худро ба иттиҳоди Сегона ва Худованд Исо бо хурсандӣ ифода мекунанд.

**8,18-21** Он ҳақиқат, ки *Рӯҳулқудс* вақте фуруд омад, ки расулон ба сомариён *даст гузоштанд,* ба *Шимъуни* ҷодугар таъсири махсусе ба амал овард. Ӯ маънои чуқури рӯҳонии ин амалро намефаҳмид ва Рӯҳро чун қувваи ғайритабиӣ меҳисобид, ки дар ҳунари ӯ фоидаовар бошад. Бинобар он, ин қувваро хариданӣ шуда, ӯ ба расулон пул пешниҳод кард.

Ҷавоби Петрус имкон медиҳад хулоса барорем, ки Шимъун имондори ҳақиқӣ набуд:

*Бигзор пулат бо ту нест шавад.* Ҳеҷ як имондор ҳеҷ гоҳ талаф намешавад (Юҳ. 3,16).

*Туро аз ин чиз насибе ва баҳрае нест;* дигар хел карда гӯем, ӯ ба ҷамоат дохил набуд.

*Дилат дар ҳузури Худо рост нест.* Ин тасвири аниқи одами наҷотнаёфта мебошад.

Зеро мебинам, ки пур аз заҳраи талх ва гирифтори бандҳои бадкирдорӣ ҳастӣ. Магар дар бораи одами аз нав зодашуда чунин гуфтан мумкин аст?

**8,22-24** Петрус *Шимъунро* водор кард, ки аз гуноҳи бузургаш *тавба кунад* ва *дуо гӯяд,* то ин ки Худо фикрҳои гунаҳкоронаашро бахшад. Дар ҷавоб Шимъун аз Петрус хоҳиш кард, ки дар байни ӯ ва Худо миёнарав шавад. Ӯ саромади он одамонест, ки ба одам-миёнарав мурочиат карданро афзал мешуморанд, на ин ки ба Худи Худованд. Аз тарафи Шимъун ба амал наомадани тавбаи ҳақиқӣ аз суханҳои ӯ маълум мегардад: *«Шумо барои ман ба Худованд дуо гӯед, то ки чизе аз он чи гуфтед, ба ман рӯй надиҳад».* Ӯ на дар бораи гуноҳаш, балки дар бораи он афсӯс мехӯрд, ки он барои ӯ чӣ гуна натиҷа хоҳад дошт.

Маҳз номи ҳамин одам, Шимъун, калимаи ҳозираи «шимъуния» – корчаллонӣ дар чизи муқаддас, ба мақсади фоида истифода бурдани чизи муқаддасро ба вуҷуд овард. Ин мафҳум фурӯши индулгенсия (тасдиқнома оид ба бахшоиши гуноҳ, ки аз тарафи Папаи Рум ба бадали пул дода мешуд) ва дигар афзалиятҳои рӯҳонии тасаввуршаванда ва ҳамаи намудҳои тиҷоратро дар доираи рӯҳонӣ фаро мегирад.

**8,25** Петрус ва Юҳанно *пас аз шаҳодат додан ва гуфтани каломи Худованд ба Уршалим баргаштанд.* Пойгоҳи нав ба даст оварда шуд ва онҳо дар бисёре аз деҳоти *Сомара башорат* доданро давом медоданд.

### Б. Филиппус ва хоҷасарои ҳабашӣ (8,26-40)

**8,26** Маҳз дар вақти бедоршавии бузурги рӯҳонии Сомара *фариштаи Худованд* соҳаи нави амалиётро ба *Филиппус* нишон дод. Ӯ бояд ҷоеро, ки баракат ба бисёриҳо паҳн мешуд, тарк карда, ба як нафар мавъиза менамуд. Фаришта *Филиппусро* равона карда метавонист, вале ба ҷои ӯ хушхабарро расонда наметавонист. Ин ҳуқуқ ба одамон дода шудааст, на ба фариштаҳо.

Хоксорона, ягон хел савол надода, *Филиппус* аз Сомара ба ҷануб ба сӯи Уршалим равона шуд, сипас ба яке аз роҳҳое ки ба *Ғазза*[32] меравад, равона шуд. Дар асл маълум нест ки калимаи *«биёбон»* ба чӣ дахл дорад, ба роҳ ё ба худи Ғазза. Вале ин аҳамияти принсипиалӣ надорад, натиҷа ҳамин аст: Филиппус маҳалли серодам ва рӯҳан самароварро тарк кард, то ин ки ба кишвари биёбонӣ равад.

**8,27-29** Дар роҳ ӯ ба корвон баробар шуд. Дар аробаи дучархаи асосӣ ашрофзодаи *хоҷасаро,*[33] *нигаҳбони хазинаи* Кандока[34] маликаи *Ҳабаш* мерафт. (Қисми ҷанубии сарзамини Миср ва Судон Ҳабашистон ном дошт.) Эҳтимол, ин одам замоне ба дини яҳудӣ рӯ оварда буд, *зеро ки ӯ ба Уршалим барои парастиш омада буд* ва акнун ба ватан бармегашт. Дар роҳ ӯ *китоби Ишаъёи пайғамбарро мехонд. Рӯҳ сари вақт ба Филиппус* амр дод, *ки ба ароба наздик ояд ва ба он ароба ҳамроҳ шавад.*

**8,30-31** Филиппус суҳбатро бо саволи дӯстона сар мекунад: *«Оё он чи мехонӣ, мефаҳмӣ?»* Хоҷасаро бо майли том иқрор шуд, ки ба ӯ раҳнамо лозим аст ва Филиппусро даъват намуд, то *ба ароба савор шуда, бо ӯ шинад.* Хуш аст дидани он ки дар ин ҷо ҳеҷ гуна таассуби нажодӣ ба назар намерасад.

**8,32-33** Ба тарзи аҷоиб маълум гашт, ки хоҷасаро маҳз Ишаъё 53-ро мехонд, ки дар он ҷо тасвири олитарини Масеҳи азобкашидаистода баён шуда буд. Чаро Филиппус ба ароба маҳз дар ҳамин лаҳза наздик шуд?

Порчаи додашуда аз Ишаъё Онеро тасвир мекунад, ки дар назди душманони Худ фурӯтан ва *безабон* буд, Онеро, ки аз *ҳукми* одилона маҳрум буд, Онеро, ки Ӯ ба насл умед надошт, зеро ки Ӯ дар айни авҷи камолот кушта шуд ва зан надошт.

**8,34-35** Хоҷасаро пурсид, ки оё Ишаъё *дар бораи худ* гуфтааст, *ё дар бораи дигаре.* Ин, албатта, ба Филиппус имконияти дилхоҳро дод, то нақл кунад, ки ин Навиштаҳо дар зиндагӣ ва марги Исои Носирӣ ба амал омадаанд. Бешубҳа, ҳангоми дар Уршалим буданаш ҳабашӣ нақлҳоро дар бораи *Исо* ном одам шунида буд, вале дар ин нақлҳо Ӯро, албатта, аз ҷиҳати бад нишон медоданд. Ҳозир бошад хоҷасаро фаҳмид, ки *Исои* Носирӣ ҳамон Бандаи азобкашандаи Яҳува мебошад, ки дар бораш Ишаъё навиштааст.

**8,36** Эҳтимоли куллӣ дорад, ки Филиппус ба ҳабашӣ маънии баланди таъмиди Масеҳиро, ки одамро бо Масеҳ дар марг, дафн ва растохези Ӯ монанд мекунад, шарҳ дод. Ва вақте ки онҳо дар назди як ҳавз мегузаштанд, хоҷасаро хоҳиши таъмид гирифтанро кард.

**8,37** Ояти 37 дар аксари дастхатҳои юнонии Аҳди Нав нест. Ва гап дар он нест, ки мавзуи он ба Навиштаҳо мухолифат мекунад: бешубҳа, имон ба *Исои Масеҳ* ҳатман бояд пеш аз таъмид гирифтан бошад. Фақат бояд гуфт, ин оят бо ҳуҷҷатҳои асосии Аҳди Нав тасдиқ намешавад.[35]

**8,38** *Ароба* истод ва *Филиппус хоҷасароро* таъмид дод. Он ҳақиқат, ки ин ба об ғӯтондан буд, аз худи матн маълум буд: *онҳо ба об фуромаданд, ва онҳо аз об баромаданд.*[36]

Содагии ин маросим таъсирбахш аст. Дар роҳи биёбон имондор навимонро таъмид дод. На ҷамоат буд, на дигар масеҳиён, на расулон. Танҳо хизматгорон аз корвон шоҳиди таъмид гирифтани хоҷаашон гаштанд; онҳо фаҳмиданд, ки аз ин пас ӯ пайрави Исои Носирист.

**8,39** Ҳамин ки таъмид додан ба охир расид, Рӯҳи Худованд Филиппусро *бурд.* Ин ҷойивазкунии одӣ нест, сухан дар бораи аз назар ғоиб шудани ногаҳонии муъҷизавӣ меравад. Мақсад аз ин он буд, ки хоҷасаро бо Худи Худованд якка ба якка монад ва диққаташ ба одаме ки ба руҷуъ намудани вай мусоидат кард, ҷалб нашавад.

*Бигзор зебоии Ӯ маро иҳота намояд,*
*Вақте ки роҳгумкардагонро ба назди Ӯ мебарам.*
*Ва бигзор онҳо раҳнаморо фаромӯш карда,*
*Танҳо Ӯро бинанд.*

Кейт Б. Вилкинсон

Хоҷасаро бо хурсандӣ роҳи худро давом дод. Дар итоат ба Худо хурсандие ҳаст, ки аз ҳамаи дигар эҳсосҳои форам афзалтар аст.

**8,40** *Филиппус* дар ин вақт хизмати худро дар *Ашдӯд,* ки дар шимоли Ғазза ва дар ғарби Уршалим наздики баҳр ҷойгир аст, аз нав сар кард. Аз ин ҷо ӯ қад-қади соҳил ба шимол, *ба Қайсария* ҳаракат кард.

Хоҷасаро чӣ? Филиппус имконияти давом додани ғамхорӣ кардан ба навимонро надошт. Муждабар танҳо ӯро ба Худо ва Навиштаи Аҳди Қадим супорида метавонист. Ба ин нигоҳ накарда, бо Рӯҳулқудс қавӣ гашта, ин масеҳии нав ба Ҳабашистон[37] баргашт, ва дар бораи марҳамати наҷотбахши Худованд Исои Масеҳ шаҳодат медод.

---

## ҚАЙДҲО ОИД БА ТАЪМИДИ МАСЕҲӢ

Таъмиди хоҷасаро, ки худи ҳозир шоҳиди он будем, яке аз намунаҳои зиёди он аст, ки таъмиди масеҳӣ қисми таълимот ва амалияи Ҷамоати пешинаро дар бар мегирифт (Аъм. 2,38; 22,16). Он аз таъмиди Яҳё, ки рамзи тавба буд, фарқ дошт (13,24; 19,4). Аслан он дар назди омма эътироф намудани монандӣ бо Масеҳ буд.

Он ҳамеша баъд аз тавба кардан рӯй медод (2,41; 8,12; 18,8) ва барои мардон ва занон (8,12), барои яҳудиён ва ғайрияҳудиён (10,48) як хел буд. Зикр карда мешавад, ки тамоми хонавода таъмид меёфтанд (10,47.48; 16,15; 16,33) вале, ба ҳар ҳол, аз ду ҳодисаи номбаршуда маълум аст, ки ҳамаи хонавода имон оварда буданд. Дар ягон ҳолат дар бораи таъмиди кӯдакон хотирнишон карда намешавад.

Имондорон ба зудӣ пас аз имон овардан таъмид меёфтанд (8,36; 9,18; 16,33). Возеҳан ин дар асоси он рӯй медод, ки онҳо имон ба Масеҳро эътироф мекарданд. Барои бовар кардан ба ҳаққонияти тавба ҳеҷ гуна муҳлати озмоиш талаб карда намешуд. Албатта, аз таъқибот тарсида, одамон метавонистанд имони худро кушоду равшан эътироф накунанд.

Он ҳақиқат, ки таъмид худ аз худ қувваи наҷотбахш надошт, дар ҳодисаи Шимъун аён аст (8,13). Ҳатто дар бораи имони худ эълон карда ва таъмид ёфта, ӯ пур аз «заҳраи талх ва гирифтори бандҳои бадкирдорӣ аст» (8,23). Дили ӯ «дар ҳузури Худо рост намебошад» (8,21).

Чӣ тавре ки пеш гуфта шуда буд, таъмиди масеҳӣ бо ғӯтонидан рӯй медод (8,38.39): «... ва ҳар ду ба об фуромаданд, Филиппус ва хоҷасаро; ва ӯро таъмид дод. Вақте ки онҳо аз об баромаданд ...». Ҳатто бисёре аз тарафдорони ҳозираи таъмид бо пошидани об эътироф мекунанд, ки масеҳиёни асри як бо ғӯтонидан таъмид медоданд.

Дар ду ҳолат, зоҳиран, таъмид бо бахшоиши гуноҳҳо алоқаманд аст. Дар рӯзи Пантикост Петрус гуфт: «Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба номи Исои Масеҳ барои бахшоиши гуноҳҳо таъмид бигиред ...» (2,38). Ва баъдтар Ҳанониё ба Шоул гуфт: «Бархез ва таъмид бигир ва номи Ӯро хонда, аз гуноҳҳои худ пок шав ...» (22,16). Дар ҳар ду ҳолат ин ба яҳудиён дахл дошт. Ба ягон ғайрияҳудӣ барои бахшоиши гуноҳҳо таъмид гирад гуфта нашудааст. Таъмиди масеҳиро қабул карда, яҳудӣ ошкоро аз халқе ки Масеҳи худро рад кард ва ба салиб кашид, рӯй мегардонд. Бахшида шудани ӯ дар имон ба Худованд Исо асос меёфт. Қимати бахшоиш Хуни гаронбаҳои Худованд буд. Ин бахшидашавиро яҳудӣ ба воситаи таъмид дар об ба даст меовард, зеро ки таъмид ӯро ошкоро аз асоси яҳудӣ ҷудо мекард ва масеҳӣ мекард.

Формулаи таъмид «ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс» (Мат. 28,19) дар китоби Аъмол вуҷуд надорад. Ҳам сомариён (8,16), ҳам пайравони Яҳё (19,5) бо номи Худованд Исо таъмид дода шуда буданд. Вале ин ҳатман онро ифода намекунад, ки формулае ки Ваҳдати Сегонаро номбар мекунад, он вақт истифода намешуд. Ибораи «ба номи Худованд Исо» метавонад «бо ҳукми Худованд Исо»-ро ифода кунад.

Шогирдони Яҳё ду бор таъмид гирифтанд: аввал бо таъмиди Яҳё, ки бахшидашавиро ифода мекард, баъд, имон оварда, онҳо таъмиди Масеҳиро қабул намуданд (19,3.5). Ин барои «дубора таъмид додан»-и онҳое ки пеш аз наҷот ёфтан таъмид ёфта буданд ё ба онҳо об пошида шуд, тимсол ба вуҷуд меоварад.

---

## В. Бозгашт кардани Шоули Тарсусӣ (9,1-31)

**9,1-2** Боби 9 – марҳилаи муайяни гардиши қатъӣ дар китоби Аъмол мебошад. То ба ҳол Петрус ба халқи Исроил мавъиза намуда, мавқеи муҳимро ишғол мекард. Аз ин лаҳза сар карда расул Павлус беш аз пеш тадриҷан симои барҷаста мегардад, Хушхабар бошад боз бештар дар байни ғайрияҳудиён паҳн мешавад.

Дар ин вақт *Шоули* Тарсусӣ, эҳтимол, тахминан сисола буд. Муаллимони илми илоҳиёти яҳудӣ ӯро яке аз ҷавонони ояндадори яҳудӣ меҳисобиданд. Оид ба саъю кӯшиш гӯем, ӯ дар ин аз ҳамаи рафиқонаш афзалият дошт.

Инкишофи эътиқоди масеҳиро, ки чун ин тариқат[38] маълум буд, мушоҳида карда ӯ дар он таҳдидро ба дини худаш медид. Бинобар ин ӯ гӯё ки бо қувваи тамомнашаванда ба нест кардани ин фирқаи зарарнок сар кард. Аз ҷумла, ӯ аз *саркоҳин* ҳуқуқи расмии дар *Димишқ* дар Сурия кофта ёфтани пайравони Исоро ба даст овард, то ки онҳоро *бандӣ карда ба Уршалим* барои доварӣ ва ҷазо *оварад*.

**9,3-6** Ӯ ва ҳамсафаронаш ба Димишқ наздик меомаданд. Ногоҳ нуре аз осмон гирди ӯ дурахшид ва Шоул бар замин афтод. Ӯ овозе шунид, ки мегуфт: «Шоул, Шоул. Барои чӣ маро таъқиб мекунӣ?» Вақте ки Шоул пурсид: «Худовандо, Ту кистӣ?» – ба ӯ ҷавоб дода шуд: «Ман он Исо ҳастам, ки ту таъқибаш мекунӣ».

Барои фаҳмидани он, ки дар ин лаҳза Шоулро чӣ гуна ҳиссиёт фаро гирифта буд, бояд дар хотир дошт: ӯ боварии қатъӣ дошт, ки *Исои* Носирӣ мурдааст ва дафн карда шудааст. Азбаски роҳбари «фирқа» аз байн рафт, танҳо чунин кардан лозим буд, – пайравони Ӯро нест кардан. Он гоҳ замин аз ин «бало» халос мешуд.

Акнун бошад ба сари Шоул ҳақиқат фурӯ рехт: Исо ҳаргиз намурдааст, балки аз мурдагон бархеста, дар тарафи рости Худо дар осмонҳо дар ҷалол нишастааст. Он ҳақиқат, ки ӯ Наҷотдиҳандаро дар шаъну шуҳрат дид, ҳаёти ӯро ба тамом тағйир дод.

Шоул боз фаҳмид, ки шогирдони *Исоро* таъқиб карда ӯ Худи Худовандро *таъқиб мекард*. Дарди ба аъзоҳои Бадани Исо расонидаро Сари Бадан низ дар осмонҳо ҳис мекард.

Шоул бояд аввал таълим мегирифт ва баъд хизмат мекард. Аввал ӯ ҳама чизро дар бораи Худи Исо фаҳмид. Пас аз он ба Димишқ фиристода шуд, ки дар он ҷо фармони ҳаракат кардан ба сафарро мегирифт.

**9,7-9** *Ҳамсафарони ӯ* дар ин вақт моту мабҳут буданд. Онҳо аз осмон садоро шуниданд, вале суханҳои Шоул шунидаро фаҳмида наметавонистанд (22,9). Онҳо Худовандро намедиданд, танҳо Шоул ӯро медид ва ҳамин тариқ ба хизмати расулӣ даъват шуда буд.

Фарисии мағрурро, аз *дасташ гирифта, ба Димишқ* бурданд, ки дар он ҷо *се рӯз нобино* монд. Ва ҳамаи ин вақт чизе *нахӯрд* ва *нанӯшид*.

**9,10-14** Тасаввур кардан мумкин аст, ки ин хабар ба масеҳиён дар *Димишқ* чӣ гуна таъсир ба вуҷуд овард. Онҳо медонистанд, ки Шоул барои дастгир кардани онҳо ба шаҳр меояд. Ба дахолати Худо умед баста, онҳо дуо мегуфтанд. Эҳтимол, онҳо ҳатто ҷуръат карда, оид ба тавба кардани Шоул дуо гуфта буданд. Акнун бошад онҳо мешунаванд, ки душмани якуми имон масеҳӣ шудааст. Онҳо бо душворӣ ба гӯшҳои худ бовар мекарданд.

Он гоҳ Худованд ба *Ҳанониё*, яке аз масеҳиён дар *Димишқ* гуфт, ки ба назди *Шоул* равад, *Ҳанониё* ҳамаи ҳиссиёти бади пешакиро, ки дили ӯро нисбати ин одам фаро гирифта буд, гуфта дод. Вале ба он ки *Шоул* ҳозир *бо дуо машғул аст* ва масеҳиёнро таъқиб намекунад, дилпур шуда, *Ҳанониё* ба *хонаи Яҳудо дар кӯчаи Рост* рафт.

**9,15-16** Худованд барои Шоул нақшаи аҷибе дошт: «... у *зарфи интихобшудаи Ман аст, то ки номи Маро пеши халқҳо ва подшоҳон ва банӣ Исроил барад; Ман ба ӯ нишон медиҳам, ки барои номи Ман ӯ чӣ қадар бояд азоб кашад*». Пеш аз ҳама, Павлус расули *халқҳо* мешавад ва ин вазифа ӯро ба назди подшоҳон мебарад. Вале ӯ инчунин ба ҳамватанони ҳамхуни худ мавъиза мекунад ва аз онҳо ба таъқиботи аз ҳама зиёд дучор мешавад.

**9,17-18** Муҳаббат ва шафқати масеҳонаро таъсирнок зоҳир карда, *Ҳанониё* ба навимон як шудани худро бо он ифода мекунад, ки даст *бар ӯ гузошта «бародар Шоул»* меномад ва мақсади омаданашро фаҳмонда медиҳад. Ӯ барои он омад, ки Шоул *бино гардад ва аз Рӯҳулқудс пур шавад*.

Бояд зикр кард, ки *Рӯҳулқудс* ба Шоул ба воситаи дастони шогирди одӣ фуруд омад. *Ҳанониё,* чунон ки тафсиркунандагон шарҳ медиҳанд, масеҳии одӣ буд. Он ҳақиқат, ки Худованд одамеро истифода бурд, ки расул набуд – таъанест ба онҳое ки хизмати рӯҳониро имтиёзи коҳинон кардани мешаванд.

Вақте ки одам дар ҳақиқат сӯи Худо бозгашт кардааст, бо ӯ ҳамеша ҳодисаҳои муайян рӯй медиҳанд. Баъзе аломатҳо мавҷуданд, ки ҳақиқӣ будани ин бозгашт карданро тасдиқ мекунанд. Ин гуфтаҳо нисбати Шоули Тарсусӣ низ дуруст аст. Ин аломатҳо чӣ гунаанд? Фрэнсис В. Диксон баъзе аз онҳоро номбар мекунад:

1. Ӯ бо Худованд вохӯрд ва овози Ӯро шунид (Аъм. 9,4-6). Ӯ ваҳйи илоҳиро қабул кард, ки фақат он метавонист ӯро бовар кунонад ва чунин шогирди фурӯтан ва пайрави содиқ гардонад.
2. Ӯ бо хоҳиши пурҳарорати итоат кардан ба Худованд ва иҷро кардани иродаи Ӯ пур шуд (Аъм. 9,6).
3. Ӯ ба дуо гуфтан сар кард (Аъм. 9,11).
4. Ӯ таъмид ёфт (Аъм. 9,18).
5. Ӯ бо халқи Худо мушоракат дошт (Аъм. 9,19).
6. Ӯ бо қатъият шаҳодат доданро сар кард (Аъм. 9,20).
7. Ӯ дар файз нуму мекард (Аъм. 9,22).

---

## ХИЗМАТГУЗОРИИ АЪЗОЁНИ ҚАТОРИИ ҶАМОАТ

Яке аз сабақҳои асосие ки ба мо дар китоби Аъмол дода шудааст, чунин аст: масеҳият ҳаракати аъзоёни қатории ҷамоат мебошад. Шаҳодат додан на ин ки фақат ба коҳинони махсус, балки ба ҳамаи имондорон дода шуда буд.

Дарнак изҳор мекард, ки *ғалабаҳои бузурги Ҷамоати пешин дар империяи Рум на бо муаллимон, мавъизагарон ё расулон балки бо миссионерони ғайрирасмӣ ба даст оварда шуда буданд.*[39]

Дин Инч навишта буд:

*Масеҳият чун дине сар шуда буд, ки дар он нақши пайғамбаронро одамони одии рутбаи динӣ надошта мебозиданд ... Ояндаи масеҳият маҳз ба аъзоёни одии Ҷамоат вобаста аст.*[40]

Брайан Грин мегӯяд:

*Ояндаи масеҳият ва расонидани Хушхабар ба ҳамаи дунё асосан дар дасти мардон ва занони одӣ мебошад, на мутахассисони корозмудаи масеҳӣ.*[41]

Лейтон Форд гуфтааст:

*Калисое ки шаҳодатро фақат ба мутахассисон боварӣ мекунад, мақсади Роҳбари худро, инчунин таҷрибаи устувори масеҳиёни аввалро риоя намекунад. Мавъизаи Хушхабар вазифаи на танҳо роҳбарони он, балки тамоми Ҷамоат буд.*[42]

Ва дар охир Ҷ. А. Стюарт менависад:

*Ҳар як узви ҷамоати маҳаллӣ дар робитаи шахсӣ одамонро барои Исо ҷалб мекард ва баъд ин «навзодон»-ро ба ҳамон ҷамоате меовард, ки худ ба он тааллуқ дошт. Дар он ҷо бо таълимот чуқуртар шинос мешуданд ва дар имон ба Раҳонанда устувор мегаштанд. Баъд, дар навбати худ, онҳо ҳамин тавр амал мекарданд.*[43]

Дар Ҷамоати расулон коҳинон ё ходимони касбии ба ҷамоати маҳаллӣ роҳбарикунанда набуданд. Ҷамоати одии маҳаллӣ аз муқаддасон, усқуфон ва ходимон иборат буд (Фил. 1,1). Ҳамаи муқаддасон дар маънии Аҳди Нав коҳинон буданд. Усқуфон пирон, назораткунандагон ё пешвоёни рӯҳонӣ буданд. Ходимон бо корҳои молиявии ҷамоати маҳаллӣ машғул буданд.

Ҳеҷ як усқуф ё пир коҳини касбӣ набуд. Ходимони динӣ барои ҷамоати имондорон якчанд пирон буданд, ки якҷоя чун шубонони рама кор мекарданд.

Ягон кас мепурсад: «Набошад расулон, пайғамбарон, муждабарон, шубонон ва муаллимон чӣ? Дар ҷамоати аввалин магар онҳо коҳинон набуданд?» Ба ин дар Эфесусиён 4,12 ҷавоб дода шудааст. Ин атоҳо барои такмили муқаддасон ба кори ибодат, ба бинои Бадани Масеҳ дода шуда буданд. Мақсади ин ходимон роҳбар шудан ба сари ҷамоати маҳаллӣ набуд, балки наздик кардани рӯзе буд, ки ҷамоати маҳаллӣ бе ёрии онҳо вуҷуд дошта тавонад. Он гоҳ онҳо метавонистанд барои таъсис додан ва қавӣ гардонидани дигар ҷамоатҳо раванд. Мувофиқи гуфтаи таърихнависони Ҷамоат, каҳонати касбӣ дар асри ду пайдо шуд. Дар даврае ки дар китоби Аъмол тасвир ёфтааст, он ҳанӯз маълум набуд. Он дар роҳи инҷилшиносонии умумиҷаҳонӣ ва паҳншавии Ҷамоат монеае

гардид, зеро дар каҳонати касбӣ чизҳои зиёд ба одамони кам вобаста мебошанд.

Масеҳиён дар Аҳди Нав на фақат хизматгорони Худо, балки ҳамчунин коҳинон буданд. Чун каҳонати пок онҳо ҳуқуқи доимии мурочиат ба Худо барои парастиш ба Ӯ доштанд (1Пет. 2,5). Чун каҳонати шоҳона, онҳо ҳуқуқи нақл кардан дар бораи Оне доштанд, ки онҳоро аз «зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ» даъват кардааст (1Пет. 2,9). Каҳонати умумӣ он маъноро надорад, ки ҳамаи масеҳиён ба қадри кофӣ барои ба таври оммавӣ мавъиза кардан ё омӯзонидан тайёр шуда буданд; он асосан, парастиш ва шаҳодат доданро дар бар мегирад. Вале он дар ҳақиқат он маъниро дорад, ки дар Ҷамоат синфи махсуси коҳинон (ё рӯҳониён), ки парастиш ва хизматгузориро назорат кунанд, набояд бошанд.

---

**9,19-25** Шогирдон дар *Димишқ* барои *Шоул* дилҳои худ ва хонаҳои худро кушоданд. Ба зудӣ вай аллакай дар *куништҳо* мавъиза мекард, ва бебокона шаҳодат медод, ки Исо *Писари Худост.* Ин шунавандагони яҳудии ӯро ба ҳайрат меовард. Онҳо медонистанд, ки Шоул худи номи Исоро бад медид. Акнун бошад ӯ таълим медиҳад, ки Исо Худо мебошад. Чӣ тавр чунин воқеъ шуда метавонист?

Мо намедонем, ки бори аввал ӯ *дар Димишқ* чанд муддат монд. Вале аз Ғалотиён 1,17 мо фаҳмидем, ки Димишқро тарк намуда, ӯ як муддат ба Арабистон рафт ва баъд баргашта омад. Мо ин сафарро ба кадом қисми боби 9 ҷойгир карда метавонем? Мумкин, дар байни оятҳои 21 ва 22.

Бисёр бандагони Худо, ки ба Ӯ беҳтар аз ҳама хизмат карда буданд, то сар кардани фаъолияти воизӣ як муддат дар «Арабистон» ё ин ки дар биёбон буданд.

Дар Арабистон барои *Шоул* имконияти ҳаматарафа фикр кардан оид ба воқеаҳои бузурге дода шуда буд, ки дар ҳаёти ӯ ба амал омаданд, ва махсусан дар бораи Хушхабари марҳамати Худо, ки ба ӯ супурда шуда буд. Вақте ки ӯ ба *Димишқ* баргашт (о. 22), дар куништҳо *яҳудиёнро* ба ҳайрат оварда, тавонист *исбот кунад, ки ҳамин Исо Масеҳи* халқи Исроил *аст.* Ин онҳоро чунон ба ғазаб овард, ки онҳо розӣ шуданд касеро, ки замоне беҳтарини онҳо буд, аммо акнун «кофир», «динфурӯш» ва «хиёнатгар» гаштааст, кушанд. *Шоул шабона* аз сӯрохии девори шаҳр *дар сабад* фаромада гурехт. Ин чун фирори шармандавор менамуд, вале ғурури ӯ бе ин ҳам шикаст хӯрда буд, одаме ки барои Исо феълу атвори худро дигар кардааст, шармандагиеро, ки каси дигар кӯшиш менамуд аз он гурезад, метавонад бардорад.

**9,26-30** Аз нуқтаи назари одами одӣ *Уршалим* барои *Шоул* ҷои аз ҳама хатарнок буд. Бо вуҷуди ин, боварӣ ба он ки ҳама чиз дар ихтиёри Худост, ба ӯ имкон медиҳад, ки гоҳ-гоҳ ҳаёти худро ба хатар гузорад.

Савол дар бораи он ки оё ин омадани аввалини Павлус ҳамчун масеҳӣ ба *Уршалим* ҳамон омадане буд, ки пас аз се соли ба сӯи Худо бозгашт карданаш (Ғал. 1,18) воқеъ гашта буд, то ҳол беҷавоб мемонад. Дар вақти омадани аввал ба *Уршалим* Павлус аз ҳамаи расулон танҳо Петрус ва Яъқубро дида буд. Дар ин ҷо, дар ояти 27, гуфта мешавад, ки *Барнаббо ӯро гирифта, назди расулон овард.* Албатта, имкон дорад, ки ин ҷо Петрус ва Павлус дар назар дошта шудаанд, аммо тамоми расулон низ дар назар буда метавонанд. Дар ҳолати охирин ин омадани дуюми ӯ ба Уршалим аст, ки дигар дар ҳеҷ ҷой зикр нашудааст.

Дар аввал *шогирдон* дар Уршалим аз қабули *Шоул* метарсиданд, ба самимияти бозгашт намудани ӯ бовар намекарданд. Барнаббо номи худ «ибни тасаллӣ»-ро амалан собит карда, дар бораи бовар кардани ӯ ва мавъизаи далеронаи ӯ дар бораи Исо дар *Димишқ* нақл намуда, ба Шоул дӯстона муносибат кард. Вақте масеҳиён диданд, ки *Шоул дар Уршалим* чӣ тарз *далерона ба номи Исо мавъиза менамуд,* онҳо фаҳмиданд, ки ӯ ростгӯй аст. Ба муқобили ӯ яҳудиёни юнонизабон пурхашмона баромад мекарданд. Вақте *бародарон* фаҳмиданд, ки ба ӯ аз ин яҳудиён хатар таҳдид менамояд, онҳо Шоулро ба *Қайсария* фиристоданд. Аз он ҷо вай ба шаҳри худаш Тарсус, ки дар ҷанубӣ-шарқии соҳилҳои Осиёи Хурд ҷойгир буд, раҳсипор гардид.

**9,31** Баъд барои *ҷамоатҳо* дар Фаластин танаффуси кӯтоҳ фаро расид. Ин вақти мустаҳкамшавии мавқеъҳои аллакай ба даст овардашуда ва афзоиши шуморавӣ ва маънавии ҷамоатҳои масеҳӣ буд.

## III. ҶАМОАТ ТО АҚСОИ ОЛАМ (9,32–28,31)

### А. Петрус Хушхабарро ба ғайрияҳудиён мавъиза менамояд (9,32–11,18)

**9,32-34** Вақте ки қисса боз ба шарҳи ҳоли *Петрус* бармегардад, мо ӯро дар қисмҳои гуногуни Яҳудо меёбем, ки ба боздиди масеҳиён меравад. Дар охир ӯ ба *Лудда*, дар шимоли ғарб аз Уршалим, дар роҳи Ёфо меояд. Ӯ дар он ҷо марди шалро мебинад, ки *ҳашт сол боз дар бистар хобида буд*. Номи ӯро гирифта, *Петрус* ба ӯ гуфт, ки *Исои Масеҳ* Шифобахшандаи ӯст. Аниёс *дарҳол* бархест ва бистарашро ҷамъ кард. Дар ҳақиқат имкон дорад, ки дар як вақт ӯ ҳам ҷисман шифо ёфт ва ҳам ҳаёти нави рӯҳониро ба даст овард.

**9,35** Шифоёбии марди шал барои *Лудда* ва ҳамаи водии наздисоҳилии *Шорӯн* шаҳодат дар бораи Худованд гашт. Дар натиҷа бисёриҳо *ба Худованд рӯй овардabsent*.

**9,36-38** *Ёфо* бандари асосии баҳрии Фаластин дар баҳри Миёназамин буд ва тахминан 48 километр ба тарафи шимоли ғарб аз Уршалим воқеъ буд. Дар байни масеҳиёни он ҷо мезиста як зани меҳрубон бо номи *Тобито* («Ғизол») буд, ки бо дӯхтани либос ба камбағалон машҳур буд. Вақте ки ӯ нохост *мурд*, шогирдон ба *Лудда* хабар фиристода аз *Петрус* хоҳиш карданд, ки *ба зудӣ* ба назди онҳо ояд.

**9,39-41** Ба он ҷо омада Петрус *ҳамаи бевазанонро дид, ки гирякунон куртаву ҷомаҳоеҳоеро, ки Ғизол* барои онҳо *дӯхта буд,* нишон медоданд. Ӯ аз онҳо хоҳиш кард, ки берун бароянд, баъд *зону зад ва дуо гуфт* ва ба *Тобито* амр дод, ки *хезад*. Дарҳол ӯ зинда шуд ва аз нав ба дӯстони масеҳӣ ҳамроҳ шуд.

**9,42** Муъҷизаи зиндашавӣ хеле машҳур гашт, бинобар ин бисёр касон *ба Худованд имон оварданд*. Вале агар оятҳои 42 ва 35-ро муқоиса намоем, маълум мегардад, ки пас аз шифо ёфтани Аниёс назар ба зинда шудани Ғизол бештар одамон бовар карданд.

**9,43** Петрус чандин рӯз дар Ёфо назди *Шимъун* ном *чармгаре* монд. Зикри касби Шимъун маънии махсус дорад. Яҳудиён кори чармгариро касби ҳаром меҳисобиданд. Робитаи доимӣ бо мурдаи ҳайвонҳо яҳудиро аз ҷиҳати маросимӣ нопок мекард. Он ҳақиқат, ки Петрус дар хонаи Шимъун зиндагӣ мекард, нишон медод ӯ аллакай бо расму оини яҳудиён алоқаманд нест.

Аксаран ба он ишора мекунанд, ки дар ҳар яке аз се боби пай дар пай омада мо шоҳиди имон овардани насли яке аз фарзандони Нуҳ мегардем. Хоҷасарои ҳабашӣ (боби 8), бешубҳа, ба авлоди Ҳом тааллуқ дошт. Шоули Тарсусӣ (боби 9) аз авлоди Сом буд. Дар боби 10 дар симои Корнилюс мо ба одаме вомехӯрем, ки ба авлоди Ёфат тааллуқ дошт. Ин далели бисёр хуби он аст, ки Хушхабар барои ҳама нажодҳо ва фарҳангҳо ягона аст ва дар Исо аз байни онҳо ҳамаи сарҳадҳо нест мешаванд. Дар боби 2 Петрус барои ба яҳудиён кушодани дари имон калидҳои Подшоҳиро истифода мебарад. Дар боби 10 мо мебинем, ки ӯ ҳаминро барои ғайрияҳудиён низ мекунад.

**10,1-2** Боб бо ҳодисаҳои дар *Қайсария* рӯйдода сар мешавад (тақрибан 45 километр ба шимол аз Ёфо). *Корнилюс* сарлашкари румӣ буд. Ӯ *мирисад* буд, яъне дар зери фармони ӯ қариб сад одам буд. Ӯ ба *фавҷи Италиявӣ* тааллуқ дошт. На танҳо истеъдоди ҷангии ӯ, балки аз он ҳам бештар худотарсияш олидараҷа буд. Ӯ одами *парҳезгор ва худотарс буда,* ба яҳудиёни камбағал *садақаҳои бисёр медод ва ҳамеша назди Худо дуо мегуфт.* Райрӣ тахмин мекунад, ки ӯ, эҳтимол, «навмаслаки назди дар буд, яъне ба Худои яҳудиён ва ба ҳокимияти олии Ӯ имон дошт, лекин алҳол барои яҳудии комилҳуқуқи навимон шудан кӯшише намекард».[44]

Маълум нест, ки ӯ аллакай наҷот ёфта буд ё не. Онҳое ки наҷотёфта буд гуфта ҳисоб мекунанд, ба оятҳои 2 ва 35 далолат мекунанд, ки дар он ҷо, эҳтимол, *Корнилюсро* дар назар дошта, дар охир Петрус мегӯяд, ки «аз ҳар халқ ҳар кӣ аз Ӯ тарсад ва аз рӯи ростӣ рафтор кунад, писандидаи Ӯст». Онҳое ки ҳанӯз наҷотёфта набудани Корнилюсро тасдиқ мекунанд, ба боби 11,14 ишорат мекунанд. Он ҷо суханҳои фаришта оварда шудааст, ки ваъда додааст, ки Петрус ба вай суханҳоеро мегӯяд, ки бо онҳо Корнилюс наҷот меёбад.

Аз нуқтаи назари мо, Корнилюс намунаи одамест, ки мувофиқи дараҷаи маърифатнокие ки Худо ба ӯ додааст, зиндагӣ мекунад. Ҳарчанд ин рӯшноӣ барои наҷот ёфтан кофӣ нест, Худо дар бораи он ғамхорӣ кард, ки ӯ рӯшноии иловагии Хушхабарро ба даст орад.

То шинос шудан бо Петрус ӯ ба наҷот ёфтан боварӣ надошт, вале ӯ наздик будани худро ба онҳое ки ба Худои ҳақиқӣ ихлос доштанд, ҳис мекард.

**10,3-8** Боре, тақрибан соати сеи рӯз, *Корнилюс фариштаи Худоро ошкоро дид*, ки дар назди ӯ зоҳир гашт ва номи ӯро гирифта ба ӯ муроҷиат кард. Азбаски *Корнилюс* яҳудӣ набуд, ӯ дар бораи хизмати фариштаҳо чун ҳар як яҳудӣ он қадар маълумот надошт, ва бинобар ин тарсид ва фариштаро Худо пиндошт. Фаришта ӯро ором кард ва гуфт, ки ба Худо *дуо ва садақаҳои ӯ* маъқуланд, ва баъд фармуд, то ба Ёфо кас фиристода Шимъуни Петрусро даъват намояд, ки *дар назди Шимъуни чармгар, ки хонааш дар соҳили баҳр*[45] *аст, меҳмон аст*. Бечуну чаро итоат карда, мирисад *ду хизматгорашро* бо як сарбозаш, ки ҳамчунин парҳезгор буд, фиристод.

**10,9-14** *Фардои он, тақрибан нисфирӯзӣ Петрус ба болои* боми ҳамвори хонаи Шимъун дар Ёфо *баромад, то ки дуо гӯяд. Ӯ гуруснагиро* ҳис мекард ва мехост чизе бихӯрад, вале хӯрок алҳол дар поён, дар хона муҳайё мешуд. Гуруснагӣ, албатта, ӯро ба он чи баъд аз он ба амал омад, хеле хуб тайёр кард. *Ба ҳолати беҳудӣ афтода, ... матои калони ... аз чор гӯшааш овезони ба замин мефуромадаро* дид, ки *дар даруни он ҳар гуна чорпоёни замин, ҳайвоноти ваҳшӣ, хазандагон ва парандагони осмон буданд,* пок ва нопок. Овоз аз осмон ба расули гурусна *фармон дод: «Бархез, ва кушта хӯр!»* Шариати Мусоро, ки хӯрдани ҳар гуна ҷонвари нопокро ба яҳудиён манъ карда буд, дар хотир дошта, Петрус ҷавоби инкори худро гуфт, ки ба таърих ворид шудааст: «Не, *Худованд*». Скроггӣ онро чунин шарҳ медиҳад: «Касе ки *не* мегӯяд, ҳеҷ гоҳ муроҷиати *Худовандро* набояд илова кунад, ва оне ки аз самими дил *Худованд* мегӯяд, ҳеҷ гоҳ *не* намегӯяд».

**10,15-16** Вақте Петрус фаҳмонд, ки пеш аз ин ӯ фармудаоро дар бораи фақат хӯроки ҳалол хӯрдан ҳеҷ гоҳ вайрон накарда буд, овоз аз осмон гуфт: *«он чи Худо пок кардааст, онро ҳаром нашумор»*. Ин муколама *се бор* такрор ёфт, ва баъд зарф боз ба *осмон* баромад.

Аён аст, ки рӯъё на танҳо ба хӯроки пок ё нопок дахл дошт, балки маънии амиқе дошт. Дар ҳақиқат, бо омадани масеҳият қоидаҳои ба хӯрок дахлдошта аллакай амал намекарданд. Вале маънои ҳақиқии ин рӯъё чунин буд: Худо тайёр буд ба ғайрияҳудиён дари имонро кушояд. Чун яҳудӣ, Петрус ҳамеша ғайрияҳудиёнро нопок, бегона, бехудо, беимон меҳисобид. Вале алҳол, бо хости Худо, вазъият бояд тағйир меёфт. Ғайрияҳудиён (ҳайвонҳо ва парандагони нопок рамзи онҳо буданд) ба зудӣ бояд ба монанди яҳудиён (ҳайвонҳо ва парандагони пок), ки Ӯро аллакай қабул карда буданд, аз Рӯҳулқудс пур мешуданд. Тафриқаи миллӣ ва динӣ бояд нест шавад ва ҳамаи онҳое ки ба Исои Масеҳ ҳақиқатан имон доранд, дар ҷамоати масеҳӣ баробар мешаванд.

**10,17-23а** *Чун Петрус* дар бораи рӯъёи худ *фикр мекард*, хизматгорони *Корнилюс* ба дарвоза омада дар бораи ӯ пурсиданд. Ӯро *Рӯҳ* равона мекард, ва ӯ аз боми хона фаромад, то бо онҳо вохӯрӣ кунад. Вақте ки мақсади ташриф овардани онҳоро фаҳмид, ӯ *онҳоро даъват намуд* ва ҷои хоб дод. Хизматгорон хоҷаи худро ҳамчун *марди накӯкор ва худотарс ва назди тамоми халқи яҳудӣ некном* таъриф мекарданд.

**10,23б-29** *Фардои он Петрус* бо се хизматгори *Корнилюс ва чанд нафар аз бародарони* ёфогӣ *ба Қайсария* равона шуд. Аз афти кор, онҳо тамони рӯзро дар роҳ гузарониданд, модоме ки ба Қайсария танҳо *фардои он расиданд*.

Дар интизории онҳо *Корнилюс хешу табор ва дӯстони наздикашро даъват карда буд*. Вақте ки Петрус ба хона дохил шуд, мирисад ба шаҳодати эҳтиром *бар пойҳояш афтод*. Расул чунин таъзимро қабул накарда гуфт, ки ӯ фақат *инсон* аст. Бад намебуд, агар ҳамаи «шогирдон»-и сохтаноми *Петрус* хоксории ӯро пайравӣ намуда, дар назди онҳо зону заданиодамонро манъ мекарданд.

Одамони дар хона ҷамъомадаро дида, *Петрус* фаҳмонид, ки чун яҳудӣ, одатан ӯ ба хонаи ғайрияҳудиён намедаромад, вале *Худо* ба ӯ дастур дод, ки ӯ набояд ғайрияҳудиёнро дигар нопок ва наҷис донад. Пас ӯ пурсид, ки *барои чӣ ӯро даъват намудаанд*.

**10,30-33** *Корнилюс* бо майли том рӯъёи *чор рӯз пеш* дидаашро тасвир кард, ки фаришта ӯро бовар кунондааст ки *дуои ӯ шунида шудааст*, ва фармуд то ба *Петрус* кас фиристода даъват намояд. Шоёни таҳсин аст, ки дили ин ғайрияҳудӣ бо хоҳиши зиёде интизори Каломи Худо буд. Ӯ гуфт: «... *акнун ҳамаамон дар*

*ҳузури Худо ҳозирем, то ҳар он чиро, ки Худо ба ту фармудааст, шунавем».* Чунин дили соф ва шавқманди дониш, албатта, раҳнамоии илоҳиро бояд сазовор мегашт.

**10,34-35** *Петрус* мавъизаи худро аз эътирофи самимӣ сар мекунад. То ба ҳол ӯ чунин мешумурд, ки лутфу марҳамати Худо танҳо ба халқи Исроил паҳн мешавад. Акнун ӯ фаҳмид, ки *Худо* на миллати одамро ба эътибор мегирад, балки дили бошараф ва тавбакардаро, аҳамият надорад, ки ӯ яҳудист ё ғайрияҳудӣ. *«Ва аз ҳар халқ ҳар кӣ аз Ӯ тарсад ва аз рӯи ростӣ рафтор кунад, писандидаи Ӯст».*

Ду шарҳи асосии ояти 35 мавҷуд аст:

1. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки одаме ки аз таҳти дил тавба мекунад ва Худоро меҷӯяд, наҷот ёфтааст, ҳатто агар ҳеҷ гоҳ дар бораи Худованд Исо нашунида бошад ҳам. Инро бо ҳамин далел исбот мекунанд, ки ҳатто агар одам дар бораи қурбонии ивазкунандаи Масеҳ чизе надонад ҳам, Худо дар бораи он медонад ва ба шарофати ин қурбонӣ одамро наҷот медиҳад. Ҳамин ки ӯ имони самимонаро мебинад, ӯ қурбонии Масеҳро ба эътибор мегирад, аз ҷумла, барои ин одам ҳам.
2. Нуқтаи назари дигар чунин аст: ҳатто агар одам худотарс бошад ва аз рӯи адолат рафтор кунад ҳам, ӯ ҳанӯз наҷот наёфтааст. Наҷот танҳо бо имон ба Худованд Исои Масеҳ ба амал меояд.

Вале вақте Худо мебинад, ки одам мувофиқи рӯшноии аз Худованд қабул кардааш зиндагонӣ мекунад, Ӯ чорае меандешад, ки ин одам Хушхабарро шунавад ва ба ҳамин тариқ имконияти наҷотро пайдо кунад. Мо нуқтаи назари дуюмро боэътимодтар меҳисобем.

**10,36-38** Дертар Петрус ба шунавандагони худ хотиррасон мекунад, ки ҳарчанд Хушхабар дар аввал ба яҳудиён фиристода шуда буд, *Исои Масеҳ Худованди ҳама аст* – чӣ тавре ки аз яҳудиён аст, ҳамин тавр аз ғайрияҳудиён низ ҳаст. Шунавандагони ӯ, эҳтимол, аллакай қиссаи *Исои Носириро* шунида буданд; он дар *Ҷалил* оғоз шуда буд, вақте ки *Яҳё* таъмид медод, ва *сар то сари Яҳудо* паҳн мегашт. Ин *Исое* ки *Рӯҳулқудс Ӯро масҳ кард,* ба ҳама *корҳои нек* карда ва *ба ҳамаи онҳое ки дар банди иблис буданд, шифо бахшида,* зиндагӣ мекард.

**10,39-41** Расулон *шоҳидоне* буданд, ки ҳақиқат будани *ҳамаи он корҳоеро,* ки Исо *ба ҷо оварда буд,* тасдиқ карда метавонистанд. Онҳо сар то сари Яҳудо ва *дар Уршалим* ба Ӯ ҳамроҳ буданд. Ба зиндагонии беnуқсони Исо нигоҳ накарда, одамон *Ӯро ба салиб овехта куштанд.* Аммо *Худо* Ӯро *дар рӯзи сеюм бархезонд,* ва Ӯро ба шоҳидоне ки Худо *пешакӣ интихоб карда буд,* зоҳир намуд. Чӣ тавре ки мо медонем, ягон беимон Худованд Исоро пас аз зинда шудани Ӯ надидааст. Вале расулон на танҳо Ӯро диданд, балки *бо Ӯ хӯрдаанд ва нӯшидаанд.* Ин, албатта, исбот мекунад, ки бадани Наҷотдиҳандаи зиндашуда материалӣ ва ламсшаванда буд.

**10,42** Худованди зиндашуда ба расулон фармуд, ки ба мардум мавъиза намоянд ва шаҳодат диҳанд, ки Ӯ *Довари зиндагон ва мурдагон аст.* Ин бо бисёр дигар порчаҳои Навиштаи Муқаддас мувофиқат мекунад, ки мувофиқи он, Падар тамоми довариро ба Писар супурдааст (Юҳ. 5,22). Албатта, ин онро ифода мекунад, ки чун Писари Одам, Ӯ ҳамон тавре ки яҳудиёнро доварӣ мекунад, ғайрияҳудиёнро низ доварӣ мекунад.

**10,43** Вале Петрус дар мавзуи доварӣ дуру дароз намеистад. Ба ҷои ин ӯ ҳақиқати бузурги масеҳиятро ба онҳо ошкор намуда мефаҳмонад, ки чӣ тарз аз маҳкумшавӣ халос шудан мумкин аст. Чӣ тавре ки ҳамаи пайғамбарони Аҳди Қадим таълим медоданд, *ҳар* кӣ ба номи Исои Масеҳ *имон оварад, гуноҳҳояш бахшида мешаванд.* Ин на танҳо ба Исроил, балки ба тамоми дунё дахл дорад. Оё шумо мехоҳед, ки гуноҳҳои шумо бахшида шаванд? Пас ба Ӯ имон оваред!

**10,44-48** *Ин суханон ҳанӯз бар забони Петрус буд, ки Рӯҳулқудс бар ғайрияҳудиён фурӯ рехт.* Ҳамаи онҳо ба *забонҳо* сухан ронда, *Худоро* ҳамду сано мехонданд. Барои ҳамаи ҳозирбудагон ин шаҳодате буд, ки бар *Корнилюс* ва аҳли хонааш дар ҳақиқат Рӯҳулқудс фуруд омад. Меҳмонон аз Ёфо, яҳудизодагон аз он *дар ҳайрат афтоданд,* ки ғайрияҳудиён пешакӣ навмаслак-яҳудӣ нашуда атои *Рӯҳулқудсро* қабул намуданд. Вале *Петрус* аллакай на ба он дараҷа побанди таассуби яҳудӣ буд. Ӯ дарҳол фаҳмид, ки Худо дар байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён тафриқае намегузорад, бинобар ҳамин ба аҳли хонаи Корнилюс *таъмид гирифтанро* пешниҳод намуд.

Ба ибораи *«онҳое ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ ёфтаанд»* диққат диҳед. Ин ғайрияҳудиён айнан ба монанди яҳудиён наҷот ёфтанд – бо имон овардани одӣ. Дар бораи риоя кардани шариат, хатна ё ягон маросим ё расму русуми дигаре ягон гап набуд.

Ба тартиби ҳодисаҳое ки бо Рӯҳулқудси ба ғайрияҳудиён фурудомада вобастаанд, диққат диҳед:

1. Онҳо *каломро мешуниданд,* яъне онҳо имон оварданд (ояти 44).
2. Ба онҳо *Рӯҳулқудс фуруд омад* (ояти 44 ва 47).
3. Онҳо *таъмид гирифтанд* (ояти 48). Чунин аст тартиби имон овардан, ки ҳам барои яҳудиён, ҳам барои ғайрияҳудиён вуҷуд дорад, вақте ки Худо одамонро ба номи Худ даъват менамояд.

Тааҷҷубовар нест, ки баъд аз атое ки Рӯҳулқудс дар Қайсария намуд, масеҳиён аз *Петрус хоҳиш карданд, ки* якчанд рӯз назди онҳо монад.

**11,1-3** Овозаи он ки Петрус ба ғайрияҳудиён мавъиза намуд ва онҳо наҷот ёфтанд, то ба Яҳудо тез расид. Бинобар ҳамин, вақте ки *Петрус* ба *Уршалим* омад, *хатнашудагон* бар вай таъна заданд, ки назди мардуми бехатна рафта, бо онҳо хӯрок хӯрдааст. *Хатнашудагон* ин ҷо – масеҳиёни яҳудинажод мебошанд, ки ақидаҳои пешинаи онҳо ҳоло ҳам онҳоро побанд нигоҳ медошт. Масалан, онҳо чунин мепиндоштанд, ки ғайрияҳудии аз Худо баракати пурра мехоста бояд хатна карда шавад. Онҳо то ҳол гумон доштанд, ки Петрус бо ғайрияҳудиён хӯрок хӯрда, нодуруст рафтор кард.

**11,4-14** Худро ҳимоя карда, *Петрус* ҳар он чи рӯй дода буд, муфассал ҳикоя кард: дар бораи *рӯъёи худ оид ба матое ки аз осмон мефуромад,* дар бораи ҳозир шудани *фаришта* ба Корнилюс, дар бораи омадани қосидони Корнилюс, дар бораи бо онҳо рафтан, фармон додани Рӯҳ ва дар бораи фуруд омадани *Рӯҳулқудс* ба ғайрияҳудиён. Чун Худо хости Худро бо чунин роҳҳои гуногун нишон дод, пас, бешубҳа, аён аст, ки муқобилат ё эътироз намудан – ба Худованд итоат накарданро ифода мекард.

Дар ҳикояи Петрус якчанд ҷузъиёти аҷибе вуҷуд доранд, ки дар боби пешина набуданд.

1. Ӯ гуфт, ки *матоъ аз осмон* айнан ба он ҷое *фаромад,* ки ӯ истода буд (ояти 5).
2. Ӯ мегӯяд, ки онро бо диққат аз назар гузаронид (ояти 6).
3. Боз як ҷузъиёте ки Петрус илова мекунад: бо ӯ ҳамроҳ шуда, аз Ёфо ба Қайсария *шаш биродар* рафтанд (ояти 12).
4. Аз ояти 14 мо дар бораи ваъдаи фаришта мефаҳмем, Петрус *ба Корнилюс суханоне мегӯяд, ки аз он ӯ ва тамоми хонадони ӯ наҷот меёбанд.* Ин оят – яке аз далелҳои асосии он аст, ки Корнилюс то омадани Петрус наҷот наёфта буд.

**11,15** Мувофиқи ҳикояи Петрус, ҳамин ки ӯ ба сухан оғоз кард, *Рӯҳулқудс* ба ғайрияҳудиён *фуруд омад.* Вақте ки мо Аъмол 10,44-ро мехонем, дар мо чунин тасаввур ба вуҷуд меояд, ки ӯ аллакай чанд вақт сухан гуфта буд. Эҳтимол, ӯ ба сухан гуфтан сар кард, вале ҳанӯз бисёр чизро нагуфта буд, ки сухани ӯро буриданд.

**11,16** Вақте ки *Рӯҳулқудс* ба ғайрияҳудиён фуруд омад, Петрус ҳамон замон Пантикостро ба хотир овард. Сипас хотири ӯ ба ваъдаи Худованд дар бораи он ки шогирдони Ӯ бо *Рӯҳулқудс* таъмид хоҳанд ёфт, баргашт. Ӯ фаҳмид, ки ин ваъдаи қисман дар Пантикост иҷрошуда ҳозир ҳам иҷро мешуд.

**11,17** Пас аз он Петрус ба хатнашудагон бо савол муроҷиат кард: *«Пас, агар Худо* ба ғайрияҳудиён ҳамон Рӯҳро ато карданӣ бошад, ки Ӯ пештар инро ба яҳудиёни *имоноварда* ато карда буд, Петрус кист, ки тавонад ба Худо монеъ шавад?»

**11,18** Боиси таҳсин ба яҳудиёни масеҳӣ мебошад, ки онҳо Петрусро шунида, амали дасти Худоро эътироф намуданд ва якбора муносибати Худро тағйир доданд. Онҳо дигар эътирозе надоштанд. Ба ҷои ин онҳо Худоро барои он ки *ба ғайрияҳудиён низ тавбаи ҳаётбахшро додааст,* ҳамду сано хонданд.

## Б. Таъсиси ҷамоат дар Антокия (11,19-30)

**11,19** Акнун қисса ба давраҳои *таъқибот,* ки баъд аз марги пуразоби *Истефанус* ба амал омада буд, бармегардад. Дигар хел карда гӯем, ҳодисаҳои дар оятҳои баъдина тасвирёфта *то* имон овардани Корнилюс рӯй дода буданд.

Касоне ки *ба сабаби таъқибот пароканда шуда буданд,* Хушхабарро ба ин ҷойҳо оварданд:

1. *Финиқия,* китъаи танги ҳудуд қад-қади соҳили шимолӣ-шарқии баҳри Миёназамин, ки дар он бандарҳои Сур ва Сидӯн ҷойгир буданд (ҳозира Лубнон).
2. *Қиприс* – ҷазираи калон дар қисми шимолӣ-шарқии баҳри Миёназамин.
3. *Қайравон* – шаҳри бандарӣ дар соҳилҳои шимолии Африқо (ҳозира Либия).

Вале онҳо Хушхабарро ба ғайр аз яҳудиён ба каси дигар мавъиза намекарданд.

**11,20-21** Лекин баъзе аз масеҳиён, *аз аҳли Қиприс ва Қайровон, ба Антокия* рафта, дар он ҷо Хушхабарро *ба юнониён* мавъиза менамуданд. Мавъизаи онҳо баракат дода шуда буд, *ва шумораи бузурге имон оварда, ба Худованд рӯ овარданд.* Ф. В. Грант мегӯяд: «Бисёр хуб аст, ки ин кор ҳамин тавр бе ягон расмиятпарастӣ ташкил карда шуда буд. Мо номи ягонтои он одамонеро, ки ба ин кор ҷалб шуда буданд, намедонем».

Паҳн шудани масеҳият ба Антокия дар пешравии Ҷамоат кадами муҳим гашт. Антокия дар соҳили дарёи Оронт, дар Сурия, шимолтар аз Фаластин ҷойгир буд. Он аз ҷиҳати бузургӣ дар империяи Рум ҷои сеюмро ишғол мекард, ва ҳозир дар бораи он чун «Парижи дунёи қадим» сухан меронанд. Баъдтар Павлус ва ҳамроҳони ӯ аз ин ҷо ба сафарҳои миссионерии худ раҳсипор мегардиданд, то ки Хушхабарро ба ғайрияҳудиён расонанд.

**11,22-24** Вақте ки *овозаи* ин бедоршавии рӯҳонӣ ба гӯши аҳли *ҷамоати Уршалим* расид, қарор дода шуд ба *Антокия Барнаббои* самимӣ ва хайрхоҳро фиристанд. Ин одами бисёр хуб дарҳол дид, ки Худованд дар байни ғайрияҳудиён бо иқтидори бузург амал мекунад, бинобар ин *онҳоро насиҳат кард,* ки аз самими дил ва устуворона *ба Худованд часпанд.* Чӣ хуб, ки ба ин ҷамоати навбунёд *марди некӯ ва пур аз Рӯҳулқудс ва имон фиристода шуда буд.* Ҳангоми дар он ҷо будани ӯ *мардуми бисёре ба Худованд пайвастанд.* Дар айни ҳол ягонагӣ бо ҷамоати Уршалим нигоҳ дошта мешуд.

**11,25-26** Баъд Барнаббо *Шоули тарсусиро* ба хотир овард. Маҳз ӯ замоне Шоулро ба расулони Уршалим шиносонида буд. Он вақт Шоул маҷбур шуда буд, ки аз шаҳр гурезад, то ки аз суиқасди яҳудиён халос ёбад. Аз он вақт сар карда ӯ дар шаҳри худаш *Тарсус* зиндагӣ мекард. Ба хотири он ки *Шоул* фаъолонатар ба хизмат ҷалб карда шавад ва ба ҷамоати Антокия барои ба даст овардани чунин муаллим афзалият дода шавад, *Барнаббо ба Тарсус рафт ва* Шоулро *ба Антокия овард.* Тамоми сол онҳо якҷоя бо ҷамоати маҳаллӣ *мардуми бисёрро таълим дода* хеле хуб кор карданд.

Маҳз *дар Антокия шогирдон аввалин бор масеҳӣ номида шуданд.* Бешубҳа, дар он вақт чунин ном чун таъна садо медод, вале аз ҳамон дам сар карда он аз тарафи ҳамаи онҳое ки Наҷотдиҳандаро дӯст медоранд, маъқул дониста шудааст.

Ҷ. А. Стюарт шарҳ медиҳад:

*Ф. Б. Мейер мегуфт: «Антокия ҳамеша дар солномаҳои масеҳӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад, ба шарофати он ки якчанд шогирдони номбарнашуда ва рутбаи рӯҳонӣ надошта аз таъқиботи Шоул аз Уршалим гурехта, ҷуръат карданд, ки қоидаи муҳимтарини дини яҳудиро комилан эътироф накарда, Хушхабарро ба юнониён мавъиза намоянд ва ба ҷамоат навимононро ҷамъ намоянд».*

*Агар ин масеҳиён аз ҷамоати ҳозира, ки дар он хизмат танҳо ба як кас вогузор шудааст, мебаромаданд, ин давраи музаффарият дар таърихи Ҷамоат, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ навишта намешуд. Мутаассифона, дар ҷамоати одӣ атои мавъизаи Рӯҳулқудс бекор, истифода нашуда меистад, зеро имондори одӣ шароити истифода бурдани онро надорад. То замоне ки дар ҳар як гурӯҳи ҳатто на он қадар калони масеҳиён шубоне ҳаст, ки ба ӯ барои ба онҳо ғамхорӣ карданаш музд медиҳанд, дар бораи як чиз бо эътимод гуфтан мимкин аст: Хушхабар ҳеҷ гоҳ ба тамоми ҷаҳон расонда намешавад. Ташаккур ба Худо барои муаллимони мактабҳои якшанбегӣ, ки бепул кор мекунанд; барои муаллимони гурӯҳҳои омӯзиши Навиштаи Муқаддас ва барои ҳамаи ихтиёриён. Агар ҳамаи онҳо барои кори худашон музд металабиданд, он гоҳ аз сабаби муаммоҳои пулию молӣ ҷамоатҳои хеле кам метавонистанд амал кунанд.*[46]

**11,27-30** Гарчанде *Антокия* маркази мавъизаи Хушхабар ба ғайрияҳудиён гардид, масеҳиёни ин шаҳр ҳамеша муносибатҳои наздик ва самимонаро бо ҷамоати *Уршалим* нигоҳ медоштанд, бо шаҳре ки маркази мавъизаи Хушхабар дар байни яҳудиён буд. Ҳодисаи зерин инро тасдиқ менамояд.

Тахминан дар ҳамин вақт *аз Уршалим ба Антокия* баъзе *пайғамбарон* омаданд. Ин

*пайғамбарон* масеҳиёне буданд, ки Рӯҳулқудс қобилияти мунодии Худо буданро ба онҳо ато карда буд. Онҳо аз Худованд ваҳй гирифта ба мардум хабар медоданд. *Яке* аз онҳо, *Оғобус* ном дошт, пешгӯӣ кард, ки дар тамоми ҷаҳоне ки он вақт маълум буд, *гуруснагии сахте* рӯй медиҳад. Ва дар ҳақиқат *гуруснагӣ дар замони қайсар Клавдиюс* рӯй дод. Он гоҳ *шогирдон дар Антокия* зуд қарор доданд, ки барои бародарони масеҳии *сокини Яҳудо ёрдаме равона кунанд.* Ин, албатта, шаҳодати таъсирбахши он гашт, ки девори яҳудиён ва ғайрияҳудиёнро ҷудокунанда барҳам хӯрда истодааст ва зиддияти оштинопазир бо салиби Масеҳ нест карда шуд. Файзи илоҳӣ дар дилҳои ин *шогирдон* баръало ҳукмфармо буд, ки номаълум, самимона ва мувофиқи тавоноӣ хайр мекарданд: ҳар яке алоқадри дороии худ хайр кард. Ф. В. Грант дар ин бобат бо андӯҳ зикр мекунад: «Имрӯз, эҳтимол, ин чунин садо медод: Ҳар яке каме аз чизи зиёдатиаш хайр мекард, одамони аз ҳама бой бошанд – аз ҳама кам».

Пул *ба пирон ба воситаи Барнаббо ва Шоул фиристода* шуд. Ин аввалин бор зикр шудани пирон дар робита бо Ҷамоат буд. Воқеан ба яҳудиён қонуну қоидаи пирон маълум буд, зеро ки пирон дар куништ буданд. Дар бораи он ки ин одамон дар Уршалим чӣ тарз пирон шуданд, ҳеҷ гуна маълумот нест. Дар ҷамоатҳои дар байни ғайрияҳудиён ташкил мешуда *пирон* аз тарафи расулон ё намояндагони онҳо таъйин карда мешуданд (Аъм. 14,23; Тит. 1,5). Талаботи ба онҳо баён карда мешуда дар 1Тимотиюс 3,1-7 ва Титус 1,6-9 оварда мешаванд.

## В. Масеҳиёнро таъқиб намудани Ҳиродус ва марги ӯ (12,1-23)

**12,1-2** Шайтон монда нашуда ба Ҷамоат ҳуҷум мекард. Ин дафъа таъқиботро *подшоҳ Ҳиродус* сар кард. Ин Ҳиродус Агрипоси I, набераи Ҳиродуси Бузург буд. Қайсари Рум Клавдиюс ӯро подшоҳи Яҳудо таъйин кард. Ҳиродус шариати Мусоро риоя мекард ва барои ба яҳудиён писанд гардидан ҳама корро мекард. Ин сиёсатро пайравӣ намуда, *баъзе аз аъзоёни ҷамоатро* таъқиб намуд *ва Яъқуб, бародари Юҳанноро, ба шамшер кушт.*

Ин ҳамон *Яъқуб* буд, ки якҷоя бо Петрус ва Юҳанно дар кӯҳи Дигаргуншавӣ бо Худованди мо буд; ва модари ӯ хоҳиш кард, ки ду писари ӯ бо Масеҳ дар Подшоҳии Ӯ нишинанд.

Боби 12 имкон медиҳад тадқиқи аҷиби роҳҳои Худованд барои халқи Ӯ гузаронида шавад. *Яъқуб* аз дасти душман кушта шуд, Петрус бошад ба таври муъҷизанок наҷот ёфт. Хиради одамӣ суол медиҳад, ки чаро тарҷеҳ ба Петрус дода шуда буд. Имон бошад дар муҳаббат ва хиради илоҳӣ асос меёбад, зеро

*Бадие ки Худованд баракат дод,*
*ба мо бо некӣ бармегардад;*
*Некӣ, агар муборак хонда нашуда бошад,*
*фақат сабаби дард мешавад.*
*Ва одилона мешавад*
*он чи аламовар менамояд,*
*Агар он иродаи неки Ӯ бошад.*

Фредерик В. Фабер

**12,3-4** *Яҳудиён* қатли Яъқубро бо чунон хурсандӣ қабул карданд, ки Ҳиродус худи ҳаминро бо *Петрус* карданӣ шуд. Вале дар ин замон *иди фатир* сар шуд, ва дар вақти идҳои динӣ қатл кардан маъмул нест. Илова бар он яҳудиён аз ҳад зиёд бо расму русуми худ машғул буданд ва ёриеро, ки Ҳиродус ба онҳо расониданӣ буд, баҳо дода наметавонистанд. Бинобар ин фармон дод, ки дар вақти ид *Петрус* ба зиндон андохта шавад. Расулро шонздаҳ сарбоз дар *чор дастаи чоргона* посбонӣ мекарданд.

**12,5** *Ҷамоат* дар Уршалим самимона барои *Петрус* дуо мегуфт, хусусан барои он ки марги Яъқуб ҳанӯз дар ёди онҳо буд. Ҷ. К. Морган менависад: «Қувваи дуои пайваста ва боҷидду ҷаҳд аз Ҳиродус ҳам пуриқтидортар буд, пуриқтидортар аз худи дӯзах».

**12,6-11** *Дар ҳамон шабе ки Ҳиродус ӯро берун оварданӣ буд, Петрус,* бастаи ду занҷир, *дар миёни ду сарбоз* сахт *хобида буд.* Касе хоби ӯро музаффарияти имон номидааст. Ӯ, эҳтимол, ваъдаи Худовандро дар бораи он ки то пирӣ зиндагӣ мекунад, дар ёд дошт (Юҳ. 21,18) ва бинобар ҳамин медонист, ки Ҳиродус ӯро барвақт кушта наметавонад. Баногоҳ *Фариштаи Худованд ҳозир шуд ва рӯшноӣ дар он хона дурахшид. Ба паҳлуи Петрус зада, фаришта* ба ӯ фармуд: *«Зуд бархез».* Дарҳол занҷирҳо аз дастҳояш *афтоданд.* Баъд *фаришта* кӯтоҳ ва аниқ ба *Петрус* фармуд, ки

камарашро бандад, *кафш бар пой кунад,* ҷомаашро пӯшад ва аз қафояш *ояд.* Петрус ҳайрон шуда буд, аммо ба ин нигоҳ накарда, аз пеши *посбонони якум ва дуюм* гузашта, аз қафои фаришта *равона шуд.* Вақте ки *ба дарвозаи оҳанин расиданд, он* худ аз худ *кушода шуд,* гӯё ки ба он ягон хел фотоэлементи ҳозиразамон гузошта шуда буд. Танҳо баъд аз он ки онҳо *аз як кӯчаи шаҳр гузаштанд* ва *фаришта* нопадид шуд, Петрус ба худ омад ва дарк намуд, ки ин хоб нест, балки *Худованд* ба таври муъҷизанок ӯро *аз дасти Ҳиродус* ва яҳудиён *раҳо кард.*

**12,12** Вақте ки Петрус истод, то ин ки фикр кунад, ӯ ба хотир овард, ки шогирдон *дар хонаи Марям, модари Юҳаннои Марқус дуо мегӯянд.* Эҳтимол, ин ҷамъомади дуогӯён буд, ки тамоми шаб давом карда буд, зеро ки раҳо ёфтани Петрус аз зиндон ҳангоми субҳи барвақт рӯй дод.

**12,13-15** Петрус *дарвозаро кӯфта* интизор шуд. *Рудо ном канизе* (юн. «садбарг») баромад, то гӯш кунад, вале вақте ки овози Петрусро шунид, чунон ба ҳаяҷон омад, ки кушодани дарвозаро фаромӯш кард. Ӯ ба хона давида даромад, то ин хабари хушро ба одамони дуо гуфтаистода расонад. Онҳо гумон карданд, ки ӯ девона шудааст ва дудила нашуда дар ин бора ба ӯ гуфтанд, вале ӯ исрор мекард, ки расул дар ҳақиқат дар назди дар истодааст. Онҳо мегуфтанд: «Ин шояд *фариштаи ӯст»,* вале ӯ исрор мекард, ки ӯ Петрус аст.

Ин масеҳиёнро бисёр вақт барои бовар накарданашон ба қувваи дуо айбдор мекунанд: онҳо дар ҳақиқат ҳайрон шуданд, вақте ки Худо ба дуои онҳо ҷавоб дод. Вале ин гуна танқид, эҳтимол, бо боварии қатъӣ надоштани худи мо ба вуҷуд омадааст. Ба ҷои он ки дигаронро танқид кунем, мо бояд шод шавем, ки Худо ба ин гуна дуои бе боварӣ низ ҷавоб медиҳад. Ҳамаи мо ба «имондорони нобовар» будан моил ҳастем.

**12,16-17** Петрус дар ин вақт дар дарвоза меистод ва *дарро тақ-тақ мекард.* Вақте ки ниҳоят онҳо дарро кушоданд ва ӯ даромад, ҳамаи шакку шубҳаи онҳо нест шуд ва онҳо бо доду фарёд хурсандӣ изҳор мекарданд. Ӯ онҳоро зуд ором кард, дар бораи раҳо ёфтани муъҷизаноки худ кӯтоҳ карда нақл кард, хоҳиш кард, ки дар ин бора ба *Яъқуб* (эҳтимол, ба писари Ҳалфой) *ва бародарон* хабар диҳанд ва баъд аз он *баромад.* Ба куҷо раҳсипор шуданаш номаълум буд.

**12,18-19** Чун субҳ дамид ва набудани *Петрус* ошкор шуд, изтироби бузурге дар байни сарбозон афтод. Барои *Ҳиродус* он ки ӯро фиреб доданд, зарбаи бағоят сахт ба иззати нафсаш буд. Нақли *сарбозон* бағоят беэътимод садо медод. Дар ҳақиқат бошад сустии далелҳои онҳо, эҳтимол, подшоҳро боз ба қаҳру ғазаби зиёдтар меовард, бинобар ҳамин ӯ фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд. Баъд аз он худаш ба *Қайсария* рафт, то иззати нафси коҳидаашро даво намояд.

**12,20** Бо сабабҳои номаълуме *Ҳиродус ба мардуми Сур ва Сидӯн,* аҳолии ду бандари тиҷоратии баҳри Миёназамин, бисёр хашмгин буд. Аҳолии ин ду шаҳр барои илтифоти ӯро аз нав ба даст овардан дар Қайсария будани Ҳиродусро истифода бурданд, зеро ки ба онҳо гандуме ки аз Яҳудо оварда мешуд, ҳаётан муҳим буд. Бинобар ин онҳо *Балостусро,* ки *нозири хобгоҳи подшоҳ* буд, ба тарафи худ кашида, мекӯшиданд ба воситаи ӯ муносибатҳои дипломатиро барқарор намоянд.

**12,21-23** Дар рӯзи таъйиншуда *Ҳиродус* либоси шоҳона дар бар кард ва бар маснади ҳукумат нишаста, ба онҳо нутқ кард. Мардум бо ҳаяҷон нидо карда мегуфтанд: *«Ин овози худоест, на овози инсон».* Ӯ ҳатто кӯшиш накард, ки аз ин иззату эҳтироми олӣ канораҷӯӣ кунад, ё ин ки *Худоро ҷалол диҳад.* Барои ҳамин ҳам *фариштаи Худованд ӯро* бо бемории даҳшатноке *зад ва ӯ мурд.* Ин дар соли 44-уми милодӣ рух дод.

Ба ҳамин тариқ, шахсе ки барои писанди яҳудиён гаштан Яъқубро кушт, худаш бо дасти Оне ки метавонад дар дӯзах на танҳо ҷисм, балки рӯҳро маҳв созад, кушта шуд. *Ҳиродус* он чи худаш корида буд, ҳамонро даравид.

### Г. Сафари аввалини миссионерии Павлус: Ғалотия (12,24–14,28)

**12,24** Тамоми ин муддат Хушхабар бемайлон паҳн мегашт. Хашми одамизодро Худо ба ҳамди Худ табдил медиҳад ва боқии хашмҳоро фурӯ менишонад (Заб. 75,11). Ӯ ақидаи мардумро барҳам медиҳад, вале панди Худованд то абад мемонад (Заб. 32,10.11).

**12,25** *Хизматашонро дар Уршалим* иҷро карда – тухфаи аҳли Антокияро супурда – *Барнаббо ва Шоул бо худ Марқус,* ҷияни Барнабборо, ки дертар Инҷили дуюмро навишт, *гирифта* ба Антокия[47] *баргаштанд.*

Маълум нест, ки *Барнаббо ва Шоул* дар вақти куштани Яъқуб, зиндонӣ кардани Петрус, ё ин ки марги Ҳиродус дар *Уршалим* буданд ё не.

Аксари тафсирдиҳандагони Навиштаи Муқаддас чунин меҳисобанд, ки боби 13 як навъ давраи тағйироти куллӣ дар китоби Аъмол мебошад. Баъзеҳо ҳатто онро ва бобҳои баъдинаро ҷилди дуюми китоби Аъмол меноманд. Дар қисса расул Павлус акнун ба ҷои якум гузошта мешавад, ва марказе ки аз он Хушхабар ба ҳама тараф ба ғайрияҳудиён паҳн мегардад, Антокия дар Сурия мешавад.

**13,1** Ҳанӯз аз боби 11 мо медонем, ки дар *Антокия ҷамоат* ташкил карда шуда буд. Ба ҷои як нафар ходим ё шубон *ҷамоат* одамони зиёди пур аз атоҳоро доро буд. Агар аниқтар карда гӯем, дар он камаш панҷ *пайғамбарон ва муаллим* буданд. Чӣ тавре ки пеш гуфта шуда буд, пайғамбар – одами бо Рӯҳулқудс махсус ато шуда мебошад, ки қобилияти бевосита аз Худо ваҳй қабул намудан ва онро ба дигарон мавъиза карданро дорад. Ба маънои муайян онҳо ҷорчиёни Худо буданд ва аксар вақт метавонистанд ҳодисаҳои минбаъдаро пешгӯӣ кунанд. *Муаллимон* – мардоне мебошанд, ки Рӯҳулқудс ба онҳо қобилияти сода ва фаҳмо гуфтан ва фаҳмонидани Каломи Худоро додааст.

Номҳои *пайғамбарон ва муаллимон* ба тартиби зерин оварда шудаанд:

1. *Барнаббо.* Мо аллакай бо ин ходими аҷоиби Худо ва ҳамсафи содиқи Павлус шинос ҳастем. Дар ин ҷо ӯ аввалин шуда номбар карда шудааст, эҳтимол, барои он ки аз дигарон пештар имон овардааст ва аз дигарон бештар ба Исо хизмат кардааст.
2. *Шимъун, ки лақабаш Ниҷар* буд. Агар аз рӯи ном мулоҳиза ронем, ӯ аслан яҳудинажод буда, эҳтимол, аз ҷамоати яҳудиёни Африқо буд. Шояд, ки ӯ номи *Ниҷар* (сиёҳ ё гандумгун)-ро барои он қабул кард, ки бо ғайрияҳудиён кор кардан осонтар шавад. Албатта, аз эҳтимол дур нест, ки ӯ сиёҳпӯст буд, ва ин дар лақабаш акс ёфтааст. Дигар ҳеҷ чиз дар бораи ӯ маълум нест.
3. *Лукюси Қайравонӣ.* Эҳтимол, ӯ яке аз қайравониёне буд, ки аввалин шуда ба *Антокия* омада, масеҳиятро тарғиб мекарданд (11,20).
4. *Маноҳим.* Дар бораи ӯ гуфта шудааст, *ки ӯ* бо *тетрарх Ҳиродус дар як ҷо тарбият ёфта калон шуда буд.* Худи ҳамин факт аҷиб аст. Одаме ки Ҳиродуси Агрипоси бадахлоқро ин қадар наздик мешинохт, яке аз аввалинҳо шуда ба имони масеҳӣ рӯ овард. Лақаби *«тетрарх»* ба он ишора мекунад, ки *Ҳиродус* ҳукмрони аз чор як қисми қаламрави падараш буд.
5. *Шоул.* Ҳарчанд дар ин рӯйхат номи Шоул дар охир оварда шудааст, таҷассуми зиндаи ҳақиқат шудан дар насиби ӯ буд: «Охиринҳо аввалин мешаванд».

Ин панҷ нафар одам гувоҳи онанд, ки Ҷамоати масеҳиёни аввалин ягона ва муттаҳид буд ва ба одамон аз боиси ранги пӯсташон тафриқа намегузошт. Дар он меъёри нави баҳогузорӣ амал мекард: «На ту *кистӣ,* балки *аз они* кистӣ».

**13,2** Боре ин пайғамбарон ва муаллимон, эҳтимол, якҷоя бо ҳамаи имондорон барои ибодат ва рӯзадорӣ ҷамъ омаданд. Аз матн аён аст, ки ибораи *«онҳо ба ибодати Худованд машғул буданд»* онро ифода мекунад, ки онҳо вақти худро дар ибодат ва дуо гуфтан барои Ҷамоат мегузарониданд. Рӯза дошта, онҳо тани худро мутеъ мекарданд, то ин ки ҳеҷ чиз онҳоро аз дуо гуфтан ба дигар тараф накашад.

Барои чӣ ба дуо гуфтан ҳамаашон ҷамъ омаданд? Оё мо асосе дорем чунин шуморем, ки онҳо ба ин ҷамъомад ҳамаи вазнинии масъулияти расонидани Хушхабар ба ҷаҳонро дарк карда омадаанд? Дар матн ишорате нест ба он ки ин ҷамъомади дуогӯён тамоми шаб давом кард, вале, бешубҳа, ин оят зимнан дар назар дорад, ки он аз ҷамъомади дуогӯии одии ҳозира хеле ҷиддӣ ва дарозтар буд.

Вақте ки онҳо дуо мекарданд, *Рӯҳулқудс* ба онҳо комилан кушоду равшан гуфт, ки *Барнаббо ва Шоулро* аз *баҳри коре ки* барояш онҳоро даъват намудааст, ба Ӯ *ҷудо кунанд.* Ин, зимнан, шаҳодати хеле аниқи табиати шахсиятноки *Рӯҳулқудс* мебошад. Агар Ӯ танҳо «қувва» мебуд, тасаввур карда намешавад, ки чунин калимаҳоро истифода бурдан

мумкин мебуд. *Рӯҳулқудс* чӣ тарз дар ин бора ба пайғамбарон ва муаллимон хабар дод? Ҳарчанд ба ин савол ягон хел ҷавоби аниқ вуҷуд надорад, эҳтимол, Ӯ ба воситаи яке аз пайғамбарон – Шимъун, Лукюс ё Маноҳим гап зад.

Аввалин дар ин ҷо Барнаббо зикр ёфтааст, Шоул бошад – дуюмин. Вале вақте ки онҳо ба Антокия баргаштанд, номи онҳо аллакай ба тартиби дигар меомад.

Ин оят аҳамияти бузурги амалиро дорост, зеро ки нақши *Рӯҳулқудсро* дар роҳбарӣ ба Ҷамоати аввалин ва таъсирпазирии шогирдонро ба роҳнамоии Ӯ таъкид менамояд.

**13,3** Пас аз он ки Рӯҳулқудс ба чунин тарз хости Худро нишон дод, ин мардон ибодат ва рӯзадориро давом медоданд. Баъд се нафари онҳо (Шимъун, Лукюс ва Маноҳим) *даст бар сари* Барнаббо ва Шоул гузоштанд. Ин «дастгузорӣ»-и расмие нест, ки дар масеҳияти ҳозира маъмул аст, вақте ки мансабдори калони ҷамоат ба поёнӣ мансаби динӣ медиҳад. Ин ифодаи одии ягонагии бародарона бо ин ду мард буд, дар он коре ки Рӯҳулқудс онҳоро ба он даъват намуд. Мафҳуми дастгузорӣ чун маросиме ки ба мушаррафшаванда ҳуқуқи фарз ва иҷро кардани вазифаҳои ҷамоатиро медиҳад, дар Аҳди Нав маълум нест. Барнҳауз шарҳ медиҳад:

*Саҳви бузурги амалии мо дар он аст, ки мо дар як одам ҳамаи истеъдодҳои барои роҳбар зарурбударо дарёфт кардан мехоҳем. Ҳамин тавр, дар ҷамоат якчанд ҳазор аъзоён буда метавонанд, лекин танҳо як шубон. Ӯ бояд мавъиза карда тавонад, тасалло дода тавонад ва бисёр дигар корҳоро карда тавонад. Дар асл аз ҳашт атои дар матни мо номбаршуда (Рум. 12,6-8) одатан ҳафт ато имтиёзи шубони дастгузошта ба ҳисоб мераванд, ҳаштумаш бошад, ба аъзоёни қатории Ҷамоат тааллуқ дорад. Ба ҷамоат чӣ гуна ато боқӣ гузошта шудааст? Аз рӯи ҳисоб пул супурдан. Дар ин ҷо, бешубҳа, хатое ҳаст.*

*Касе метавонад пурсад, ки оё ман ба аъзоёни қатории ҷамоат супурдани мавъизаро пешниҳод намекунам? Бешубҳа, агар узви қаторӣ Навиштаи Муқаддасро хуб донад, бояд атои худро инкишоф диҳад ва ҳангоми ҳар як имконияти пайдошуда мавъиза намояд. Дар байни аъзоёни қатории Ҷамоат инкишофи хеле бузурги фаъолият мушоҳида карда мешавад, ки ин қадамест ба самти дуруст – ба ақиб, ба амалияи Аҳди Нав.*[48]

Дар хотир доштан зарур аст, ки дар ин вақт Барнаббо ва Шоул аллакай дар давоми ҳашт сол дар арсаи илоҳӣ меҳнат мекарданд. Онҳо дар хизмат ба Исо навшогирд набуданд. Онҳо аллакай аз «гузоштани дастҳои сӯрохшуда» гузаштанд. Ҳоло бошад, бародарони онҳо дар Антокия танҳо ягонагии худро бо онҳо дар супориши махсуси расонидани Хушхабар ба ғайрияҳудиён изҳор карданд. Баъд *онҳоро равона карданд,* таҳтуллафзан: онҳоро барои кори ба онҳо супурдашуда «иҷозати рафтан доданд».

**13,4** Аз ин оят он чизе сар мешавад, ки одатан чун сафари аввалини миссионерии Павлус маълум аст. рӯзномаи сафари аввалин дар боби 14,26 ба охир мерасад. Дар ин давра мавъизаи Хушхабар асосан Осиёи Хурдро фаро гирифт. Сафари миссионерии дуюм Хушхабарро ба Юнон овард. Дар сафари миссионерии сеюм Павлус дубора ҷамоатҳои Осиёи Хурд ва Юнонро дидан намуд, вале ҳадафи асосии ӯ ноҳияи Осиё ва шаҳри Эфесус буд. Фаъолияти миссионерии Павлус тахминан понздаҳ сол тӯл кашид.

(Роҳи Павлусро тадқиқ карда, мо ҷойҳои рафтагиашро дар он ҷое ки он дар рафти тасвири ҳар як сафари мушаххас бори аввал вомехӯрад, бо ҳарфҳои калон ҷудо мекунем.)

Аз Антокияи Сурия ду хизматгузори нотарси Исо аввал ба *САЛУКИЯ,* бандари баҳрӣ, ки тақрибан бисту панҷ километр дуртар аз Антокия ҷойгир буд, омаданд. Аз он ҷо онҳо ба ҷазираи *ҚИПРИС рафтанд.*

**13,5** Баъди фаромадан дар *САЛОМИС,* дар соҳили шарқии Қиприс онҳо ба *куништ-ҳои* гуногун рафта, дар он ҷо *Каломи Худоро мавъиза карданд.* Аз рӯи анъана ҳар як марди яҳудӣ имконияти хондан ва шарҳ додани Навиштаро дошт. *Юҳаннои* Марқус дар он замон ба онҳо ёрдамчӣ шуда хизмат мекард. Пеш аз ҳама ба куништ рафта, Барнаббо ва Шоул фармони илоҳиро ба ҷо меоварданд, ки мувофиқи он Хушхабар бояд аввал ба яҳудиён ва баъд аз он ба ғайрияҳудиён мавъиза карда шавад.

**13,6** Аз Саломис онҳо аз байни тамоми *ҷазира* аз шарқ ба ғарб гузашта ба *ПОФУС,* ки дар соҳили ғарбӣ буд, омаданд. Саломис шаҳри тиҷоратии калонтарини ҷазира буд, *Пофус* пойтахт буд.

**13,7-8** Дар он ҷо онҳо бо *пайғамбари дурӯғин ва ҷодугари яҳудӣ,* ки *Барюшаъ ном дошт* (маънояш «писари Исо» ё «писари Еҳушаъ») дучор омаданд. Ба кадом як тариқе ин ҷодугар бо волӣ *Сарҷиюс Павлус,* проконсули[49] румӣ, шахси вазифадор, ки ҳокимияти иҷрокунандаи ҷазираро роҳбарӣ мекард, ҳамнишин гашта буд. Ин одам чун *марди бофаҳм* тавсиф мешавад. Вақте ки *ӯ Барнаббо ва Шоулро даъват намуда, хост Каломи Худоро шунавад,* ин *ҷодугар* кӯшиши мудохила кардан кард: эҳтимол, шайтон ба ӯ талқин кард, ки ба паҳншавии Хушхабар мухолифат намояд.

Дар ояти 8 ӯ *Алимо* номида шудааст, ки «хирадманд» маъно дорад. Бешубҳа, ин ном ба ӯ мувофиқат намекунад.

**13,9-10** Аз самими қалб ба ҳақиқат рӯ овардани Сарҷиюс Павлусро, ва душмани ин ҳақиқат будани ҷодугарро фаҳмида, *Шоул ӯро* ошкоро ва бераҳмона фош кард. Барои он ки ҳеҷ кас гумон набарад, ки *Шоулро ғай*ратмандии ҷисмонӣ роҳбарӣ мекард, дар матн ба таври возеҳ гуфта шудааст, ки дар он лаҳза ӯ *аз Рӯҳулқудс пур шуд.* Ба ҷодугар *назар дӯхта, Шоул* ӯро дар он гунаҳгор намуд, ки пур аз ҳар *ҳар гуна фиребу бадӣ* мебошад. Шоулро номи Барюшаъ фиреб надод; ӯ ин ниқобро канда, ӯро *писари иблис* номид. Ин ҷодугар *душмани ҳар гуна ростӣ* буд, ки доимо ба вайрон кардани ҳақиқати илоҳӣ кӯшиш мекард.

**13,11** Баъд, чун расуле ки қудрати ҷазои интизомӣ додан дорад, Шоул эълон намуд, ки Алимо *то муддате* нобино мегардад. Азбаски ӯ мехост дигаронро, масалан проконсулро, дар торикии маънавӣ нигоҳ дорад, ӯ бо нобиноии ҷисмонӣ ҷазо дода шуд. *Ногаҳон дунё дар назараш тираву тор шуд,* ва ӯ ба ҳар сӯ рӯ оварда, *асокаше* меҷуст.

Алиморо тимсоли халқи Исроил ҳисобидан мумкин аст, ки на фақат намехост Худованд Исоро қабул намояд, балки кӯшиш мекард ба дигарон ҳам дар ин кор мухолифат намояд. Чун натиҷа, ба тариқи ҷазо Исроил аз тарафи Худо нобино карда шуда буд, вале танҳо *то муддате.* Охири охирон боқимондаи халқ тавба мекунад, ба Исо чун Масеҳ бовар мекунад ва сӯи Худо бозгашт менамояд.

**13,12** Ба *волӣ,* эҳтимол, ҳукми Худо таассурот бахшид, вале *таълими* Худованд, ки Барнаббо ва Шоул ба ӯ баён карданд, боз ҳам бештар таассурот бахшид. Ӯ имондори ҳақиқии Худованд Исо гардид, аввалин «ғанимат»-и файз дар сафари аввалини миссионерӣ.

Диққат диҳед, ки дар нақли ин ҳодиса Луқо ба ҷои номи яҳудиёнаи Шоул кор фармудани варианти ғайрияҳудиёнаи ин ном – Павлусро сар мекунад (ояти 9). Истифодаи номи Павлус ба беш аз пеш паҳншавии Хушхабар дар байни ғайрияҳудиён ишора мекунад.

**13,13** Суханҳои *«Павлус ва ҳамроҳонаш»* ба он ишорат мекунад, ки акнун нақши асосиро Павлус иҷро мекунад. *Аз Пофус* онҳо ба шимолу ғарб, ба *ПИРҶАИ ПАМФИЛИЯ* раҳсипор гардиданд. *Памфилия* – яке аз музофотҳои Рум дар соҳилҳои ҷанубии Осиёи Хурд буд. Пирҷа пойтахти он буд ва тахминан даҳ километр дуртар аз соҳил дар дарёи Кестрос воқеъ буд.

Маҳз дар ҳамон вақте ки онҳо ба *Пирҷа* расиданд, *Юҳаннои* Марқус онҳоро тарк намуда *ба Уршалим баргашт.* Эҳтимол, ӯ аз нияти ба ғайрияҳудиён мавъиза кардан шод набуд. *Павлус* рафтани Марқусро дар вақти хизмат чунон гуноҳи ҷиддӣ ҳисобид, ки ӯро ба сафари дуюми миссионерӣ ҳамроҳ набурд. Ин ба он оварда расонд, ки алоқаи байни *Павлус* ва Барнаббо қатъ гардид, ва дар натиҷа роҳҳои онҳо дар хизмат ба масеҳият ҷудо шуданд (муқоиса кунед Аъм. 15, 36-39). Дар оянда Марқус боварии расул Павлусро ба худ баргардонд (2Тим. 4,11).

Дар бораи будан дар *Пирҷа* дигар ҳеҷ чиз нақл карда намешавад.

**13,14-15** Тавaққуфи оянда дар *АНТОКИЯИ ПИСИДИЯ,* тахминан 160 километр шимолтар аз Пирҷа буд. Ва ду нафар қосиди салиб боз *дар рӯзи шанбе ба куништ* омаданд. Пас аз он ки порчаҳо аз Навишта хонда шуданд, *сардорони куништ* дар меҳмонони худ яҳудиёнро шинохтанд ва онҳоро ба нутқ кардан даъват карданд, *агар* онҳо *сухани насиҳатомезе барои қавм дошта бошанд.* Чунин мавъизаи озоди Хушхабар дар куништҳо дер давом карда наметавонист.

**13,16** Ҳеҷ гоҳ имконияти мавъиза намудани Хушхабарро аз даст надода, *Павлус бархеста,* ба ҷамъомадагон муроҷиат намуд. Нақшаи умумии нутқи ӯ чунин буд: аввал ёдоварии асосҳои таърихи яҳудиён, ки шунавандагонро ба ҳодисаҳои алоқаманд бо ҳаёт ва фаъолияти Исо наздик мекунад, баъд аз он шаҳодати эътимодбахш дар бораи растохези

Исо, хабар дар бораи бахшоиши гуноҳҳо, ки аз тарафи Наҷотдиҳанда ато шудааст ва огоҳӣ додан дар бораи ҳалокати онҳое ки Ӯро рад мекунанд.

**13,17** Мавъиза аз он сар мешавад, ки Худованд *халқи* Исроилро чун халқи Худ баргузид. Павлус зуд ба даврае мегузарад, ки яҳудиён *дар замини Миср* истиқомат мекарданд, ва ба лутфу марҳамате ки Худо зоҳир намуда, бо *бозуи зӯрмандаш* онҳоро аз зулми фиръавн берун овард, ҳамду сано мегӯяд.

**13,18** *Чиҳил сол* Худо халқи Исроилро *дар биёбон тоқат кард*. Феъле ки чун «тоқат кард» тарҷума шудааст, «ғамхорӣ дар бораи эҳтиёҷи касе»-ро ифода мекунад. Бешубҳа, Худованд ба норозигии халқи Исроил нигоҳ накарда, бо он чунин рафтор мекард.

**13,19-22** *Чорсаду панҷоҳ соли* зикркардаи Павлус, эҳтимол, моро ба давраҳои падарклонҳо бармегардонанд ва ҳамаи давраи таърихи то доваронро дар бар мегиранд.[50]

Пас аз он ки исроилиҳо ба Канъон ворид шуданд, Худо ба халқ *то замонҳои Самуили пайғамбар доваронро* медод. Вақте онҳо талаб карданд, ки монанди дигар халқҳо подшоҳ дошта бошанд, *Худо ба онҳо Шоул ибни Қиш аз қабилаи Бинёминро дод;* ӯ муддати *чил сол* подшоҳӣ кард. Барои саркашӣ *Шоул* аз тахт *бардошта* шуд ва ба ҷои ӯ Худо *Довудро таъйин кард*. Худо *Довудро* ситоиш намуда, ӯро марди мувофиқи табъи дили Худ меномад, *ки ҳар чӣ Ӯ хоҳад, ба ҷо меоварад*. Дар ояти 22 иқтибосҳо аз Забур 88,21 ва 1Самуил 13, 14 якҷоя карда шудаанд.

**13,23** Зикри Довуд ба Павлус имконият дод, ки осон ва зуд ба *Исо, насли* Довуд гузарад. Чӣ тавре ки касе зарифона зикр кардааст: «Ҳамаи роҳҳои мавъизаи Павлус ба Исо мебурданд». Шояд мушкил аст баҳо додани мардонагие ки барои ба халқи Исроил *эълон намудани* он талаб карда мешуд, ки *Исо Наҷотдиҳандае буд,* ки Худо мувофиқи *ваъдаи* Худ фиристод. Онҳо *ба Исо* ба таври тамоман дигар нигоҳ карда одат карда буданд!

**13,24** Исоро ба таври кӯтоҳ шинос намуда, Павлус ба ақиб, ба хизмати *Яҳёи* Таъмиддиҳанда баргашт. Пеш аз омадани Исо (яъне пеш аз хизмати Ӯ) *Яҳё ба ҳамаи халқи Исроил таъмиди тавбаро мавъиза кард*. Ин онро ифода мекунад, ки ӯ *омадани* Масеҳро хабар дода буд, мардумро ба ин тайёр карда, ба тавба намудан даъват мекард. Таъмид дар дарёи Урдун бояд *тавбаи* онҳоро ифода мекард.

**13,25** Ягон дақиқа *Яҳё* чунин фикреро роҳ намедод, ки ӯ Масеҳ буда метавонад. То *ба анҷом додани* хизмати *худ* ӯ монда нашуда такрор менамуд, ки ӯ *Он касе нест,* ки дар бораи Ӯ пайғамбарон гуфтаанд. Ӯ ҳатто мегуфт, ки *ба воз кардани банди пойафзоли* Оне ки ӯ дар бораи омаданаш хабар медод, *сазовор нест*.

**13,26** Ба шунавандагони худаш чун *бародарон* ва *фарзандони насли Иброҳим* муроҷиат карда, Павлус ба онҳо хотиррасон намуд, ки *каломи ин наҷот* аз аввал ба халқи Исроил *фиристода шудааст*. Исо маҳз ба назди гӯсфандони раҳгумзадаи хонадони Исроил омада буд. Ва шогирдон амр гирифта буданд, ки дар навбати аввал маҳз ба онҳо хабари хушро расонанд.

**13,27-28** Вале халқ дар *Уршалим ва сардорони онҳо* дар Исо Масеҳи дилхоҳро нашинохтанд. Онҳо нафаҳмиданд, ки Ӯ Ҳамонест, ки дар бораи Ӯ *пайғамбарон* навишта буданд. Вақте ки онҳо пешгӯиро дар бораи Масеҳ, ки *ҳар рӯзи шанбе* аз Навишта хонда мешуд, мешуниданд, онҳо онро бо Исои Носирӣ алоқаманд намекарданд. Худашон инро нафаҳмида, онҳо воситаи иҷроиши ин порчаҳои Навишта гардиданд, ва *Ӯро маҳкум карда,* ба *Пилотус* доданд, то Ӯро *кушад, гарчанде ки дар Ӯ ҳеҷ айбе сазовори марг наёфта буданд*.

**13,29** Қисми аввали оят ба яҳудиён дахл дорад, ки Масеҳро рад намуда, пешгӯиро иҷро намуданд. Дар қисми дуюм дар бораи Юсуф аз Ромо ва Ниқӯдимус, ки бо муҳаббат ҷисми Худованд Исоро ба қабр гузоштанд, сухан меравад.

**13,30-31** Далели *аз мурдагон* бархестани Исо боэътимод тасдиқ мешуд. *Онҳое ки* бо Исо *аз Ҷалил ба Уршалим* омада буданд, ҳоло зинда буданд ва шаҳодати онҳо раднопазир буд.

**13,32-33** Баъд расул эълон намуд, ки *ваъдаи ба падарон* дар Аҳди Қадим дар бораи Масеҳ додашударо Худованд дар Исо *ба иҷро расонд*. Аввал он дар зода шудани Исо дар Байт-Лаҳм *ба иҷро расид*. Павлус зодашавии Исоро иҷро шудани пешгӯӣ аз Забур 2,7 меҳисобад, ки дар он Худо мегӯяд: *«Ту Писари Ман ҳастӣ; Ман имрӯз Падари Ту шудаам»*. Ин суханон он маъниро надоранд, ки Исо он вақт Писари Худо шуд, ки дар Байт-Лаҳм зода шуд.

Ӯ аз азал Писари Худо буд, вале ба ҷаҳон чун Писари Худо ба воситаи таҷассум ёфтани Худ пайдо шуд. Забур 2,7-ро барои инкори фарзандии абадии Масеҳ истифода бурдан мумкин нест.

**13,34** Дар ояти 34 растохези Худованд Исо дида бароварда мешавад. Худо Ӯро *аз мурдагон бархезонд,* аз ҳамин сабаб *Ӯ дигар ба нобудшавӣ дучор намешавад*. Баъд аз он Павлус аз Ишаъё 55,3 иқтибос овард: *«Марҳаматҳои боварибахши Довудро ба шумо медиҳам»*. Ин иқтибос барои хонандаи тайёр набуда каме мушкилтар менамояд. Байни оят дар Китоби Ишаъёи пайғамбар ва растохези Исо чӣ гуна робита буда метавонад? Паймони Худо *бо Довуд* ба растохези Наҷотдиҳанда чӣ гуна муносибат дорад?

Худо ба *Довуд* тахту подшоҳии абадиро ваъда дода, пешгӯӣ кард, ки насли ӯ то абад дар ин тахт мемонад. Дар ин байн *Довуд* мурд ва ҷисми ӯ фаноро дид. Подшоҳии ӯ муддати кӯтоҳе мавҷуд буд, ва баъд зиёда аз чор аср Исроил подшоҳ надошт. Насли *Довуд* бошад, дар тӯли солҳои зиёд давом дошт – то Исои Носирӣ. Ӯ ҳуқуқи қонуниро ба тахти *Довуд* ба воситаи Юсуф мерос мегирифт. Ҳарчанд Юсуф падари ҳақиқии Исо набуд, аз рӯи қонун чунин буд. Модари Исо Марям ҳамчунин бевосита ба насли Довуд тааллуқ дошт, ва ба воситаи модар – Исо низ.

Павлус зикр менамояд, ки марҳаматҳои боэътимоде (Иш. 55,3) ки ба *Довуд* ваъда шудаанд, дар Масеҳ ба амал меоянд. Ӯ насли *Довуд* аст, ки замоне ба тахти *Довуд* менишинад. Азбаски Исо *аз мурдагон* зинда шуд ва абадан зинда аст, Ӯ исботи ҷовидонагии аҳди Худо бо *Довуд* аст.

**13,35** Ин боз ҳам амиқтар дар ояти 35 зикр карда мешавад, дар он ҷое ки расул Забур 15,10-ро иқтибос меорад: *«Намегузорӣ, ки Қуддуси Ту нобудшавиро бинад»*. Дигар хел карда гӯем, аз он даме ки Худованд аз мурдагон бархест, марг бар Ӯ дигар ҳукмрон нест. Ӯ дигар ҳеҷ гоҳ намемурад ва ҷисми Ӯ ҳеҷ гоҳ *нобудшавиро намебинад*.

**13,36-37** Ҳарчанд *Довуд* суханони Забур 15-ро навишт, ӯ наметавонист дар бораи худаш сухан ронад. *Дар замони худ бо хости Худо хизмат карда, ба хоби /марг/ рафт ва ба падарони худ пайваст* ва баданаш хок шуд. Аммо Худованд Исо дар рӯзи сеюм аз мурдагон зинда карда шуд, пеш аз он ки ҷисми Ӯ *нобудшавиро бинад*.

**13,38** Растохези Масеҳ тасдиқи он гардид, ки Худо тамоми фаъолияти Ӯро маъқул медонад. Ва аз ҳамин сабаб Павлус акнун метавонист дар бораи *бахшоиши гуноҳҳо* чун амри воқеъ сухан ронад. Ба ин суханони ӯ диққат диҳед: *«... ба воситаи Ӯ ба шумо бахшоиши гуноҳҳо эълон мешавад»*.

**13,39** Зиёда аз он, Павлус акнун метавонист дар бораи ба воситаи Ӯ пурра ва ройгон аз ҳамаи гуноҳҳо сафед шуданро хабар диҳад. Инро *шариати Мусо* ҳеҷ гоҳ пешниҳод карда наметавонист.

Сафед кардан амали Худост, ки Ӯ ба воситаи ин гунаҳгорони бехудоро, ки бо имон Писари Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул кардаанд, росткор эълон менамояд. Ин амали ҳуқуқиест, ки аз Худо бармеояд ва ҳамаи айбро аз гунаҳгор мегирад. Худо метавонад гунаҳгорро сафед кунад ва дар айни ҳол одил монад, зеро ки ҷазои ҳамаи гуноҳҳои ӯро Худованд Исои Масеҳ дар салиб ба Худ гирифт.

Вақте ки ин порчаро бори аввал мехонед, чунин тасаввурот ба амал меояд, ки *шариати Мусо* баъзе амалҳои одамро сафед карда метавонист, вале ба воситаи Масеҳ ӯ пурра сафед карда мешавад. Вале ин тамоман ин хел нест. *Шариат* ҳеҷ гоҳ сафед карда наметавонист, он танҳо маҳкум карда метавонист. Дар ҳақиқат Павлус дар ин ҷо онро дар назар дорад, ки ба Масеҳ имон оварда, ҳар як шахс, бо вуҷуди вазнинии айбномаи ба муқобили ӯ баровардашуда, сафед шуда метавонад ва ин сафедшавии пурра мешавад, – сафедшавие ки ҳеҷ гоҳ *шариати Мусо* дода наметавонист.

**13,40-41** Баъд аз он расул мавъизаи худро бо огоҳкунии таҳдидомез ба онҳое ки ба васвасаи қабул накардани атои бузурги илоҳӣ доир ба наҷот меафтанд, ба охир мерасонад. Ӯ аз Ҳабаққуқ 1,5 иқтибос меорад (ва, эҳтимол, қисман аз Иш. 29,14 ва Мас. 1,24-31). Худо дар он нафраткунандагони сухани Худро огоҳ мекунад, ки Ӯ аз онҳо ба ғазаб меояд ва ғазаби Ӯ чунон даҳшатнок мешавад, ки онҳо ҳеҷ гоҳ *бовар намекарданд,* агар Ӯ ба онҳо пештар дар ин бора мегуфт. Эҳтимол, дар замонҳои Павлус ин суханон ба вайронкунии Уршалим (дар солҳои 70 милодӣ) дахл дошт, аммо он инчунин огоҳкунӣ оид ба

маҳкумияти абадии онҳоест, ки Писари Ӯро рад мекунанд.

**13,42-43** Вақте ки ибодат дар куништ ба охир расид, *бисёре аз яҳудиён ва онҳое* ки аз бутпарастӣ ба дини яҳудӣ рӯ оварда буданд, *бениҳоят* мароқ зоҳир карда, *аз пайи Павлус ва Барнаббо рафтанд*. Хизматгузорони Худо аз самими қалб онҳоро ҳавасманд менамуданд, ки *дар файзи Худо устувор бошанд*.

**13,44** Пас аз як ҳафта Павлус ва Барнаббо аз нав ба куништ омаданд, то кори худро аз ҷое ки қатъ карда буданд, давом диҳанд. *Қариб тамоми аҳли шаҳр* ба он ҷо *ҷамъ омаданд, то ки Каломи Худоро шунаванд*. Хизмати ин ду мавъизакунандаи пурэҳтирос ба одамони зиёд таассуроти фаромӯшнашаванда бахшид.

**13,45** Вале шуҳрати ин «таълимоти бегона» *яҳудиёнро аз ҳасад* ва ғазаб *пур кард*. Онҳо ба муқобили ӯ иборaҳои беҳад сахтро истифода бурда ба мавъизаи Павлус ошкоро мухолифат кардан гирифтанд.

**13,46-47** Вале маълум гашт, ки *Павлус ва Барнабборо* тарсонидан осон нест. Онҳо фаҳмонданд, ки вазифадор буданд дар навбати аввал Хушхабарро ба яҳудиён расонанд. Вале азбаски онҳо онро рад карданд ва ҳамин тариқ, худашонро *шоистаи ҳаёти абадӣ надонистанд*, мавъизакунандагон эълон намуданд, ки акнун ба *ғайрияҳудиён* Хушхабарро паҳн мекунанд. Агар барои ҳамин тарз баркандани муносибатҳо бо анъанаҳои яҳудӣ ба онҳо дастгирии Навиштаи Муқаддас лозим мебуд, суханҳо аз Ишаъё 49,6 чунин хизматро ба ҷо меоварданд. Дар асл дар ин оят Худо ба Масеҳ муроҷиат мекунад: *«Туро нури халқҳо гардондам, ки то канори замин наҷот бошӣ»*. Вале рӯҳи Худо ба хизматгузорони Масеҳ имкон дод, то ин суханҳоро нисбати худ истифода баранд, зеро ки ба воситаи онҳо *Ӯ нур ва наҷотро* ба халқҳои бутпараст мерасонд.

**13,48** Агар суханҳо оид ба огоҳии наҷот *ба ғайрияҳудиён* дар байни яҳудиён қаҳру ғазаб ба вуҷуд оварда бошад, дар *ғайрияҳудиёне* ки дар он ҷо ҳузур доштанд, шодии бузург ба амал овард. *Онҳо ба каломи Худованд,* ки шунида буданд, *ҳамду сано хонданд. Ҳамаи онҳое ки барои ҳаёти абадӣ таъйин шуда буданд, имон оварданд*. Ин оят таълимотро дар бораи соҳибихтиёрии интихоби пешакии Худо баён менамояд. Онро бечуну чаро бояд қабул кард ва ба он бояд бовар кард. Китоби Муқаддас аниқ таълим медиҳад, ки баъзеҳоро Худо аллакай пеш аз офаридани олам барои он интихоб кардааст, ки дар Масеҳ бошанд. Ҳамчунин ҳамин гуна аниқ дар он гуфта шудааст, ки ба одам ҳуқуқи интихоби озод дода шудааст ва агар ӯ ба Исои Масеҳ ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда имон оварад, ӯ наҷот хоҳад ёфт. Ҳам интихоби пешакии илоҳӣ ва ҳам масъулияти одам – ҳақиқати Навиштаи Муқаддас мебошанд ва ҳеҷ кадоми онҳо бар зарари дигаре набояд таъкид карда шавад. Агар ба мо чунин намояд, ки онҳо ба якдигар мухолифат мекунанд, ин мухолифат танҳо дар шуури одам вуҷуд дорад, на дар шуури Худо.

Одамон ҳукмро худашон сазовор мешаванд, бо интихоби худ, на бо иродаи Худо. Агар ҳамаи одамон ҳаққонӣ ҷазо медиданд, пас ҳама мемурданд. Вале Худо бо марҳамати Худ ба одамон илтифот менамояд ва баъзе аз онҳоро наҷот медиҳад. Оё Ӯ ба чунин кардан ҳуқуқ дорад? Албатта. Таълимот дар бораи соҳибихтиёрии интихоби пешакии Худо – таълимотест, ки Худоро ба ҷои сазовори Ӯ чун Ҳукмронии олам мегузорад, ки метавонад бо хости Худ рафтор кунад ва он ҳеҷ гоҳ беадолатона ва бераҳмона намешавад. Ин мавзуъ хеле мушкил аст, вале суханони Эрдманро ба хотир оварда, бисёр мушкилиҳоро ҳал кардан мумкин буд:

*Соҳибихтиёрии Худо беандоза аст, вале он на дар маҳкум кардани одамоне ки бояд наҷот ёбанд, балки бештар дар наҷоти одамоне ки сазовори марганд, падидор мегардад.*[51]

**13,49-50** Ба муқобилати яҳудиён нигоҳ накарда, *каломи Худо дар тамоми он сарзамини* атрофи Антокияи Писидия интишор мeёфт. Ин дар бошишгоҳи мухолифон боз оташинӣ ва муқобилатро ба амал меовард. *Яҳудиён* якчанд *занони диндору иззатманди* ҷамоатро, ки ба дини яҳудӣ гаравида буданд, ба барангехтан ва равона кардани халқ ба муқобили расулон иғво доданд. Ба ғайр аз ин, онҳо барои иҷро кардани ниятҳои гунаҳгоронаи худ *бузургони* шаҳрро истифода бурданд. Онҳо чунон тӯфони таъқиботро барпо карданд, ки *Павлус ва Барнаббо* ба зӯрӣ аз ин ноҳия ронда шуданд.

**13,51-52** Мувофиқи амри Худованд (Луқ. 9,5; 10,11), онҳо ғубори пойҳои худро бар онҳо афшонда, ба *ҚУНИЯ* равона шуданд. Бо вуҷуди ин, масеҳиён ин ҳодисаро чун мағлубият ва ақибнишинӣ наҳисобиданд,

зеро мо мехонем, ки *онҳо аз шодӣ ва Рӯҳулқудс пур шуданд. Қуния* ки аз Антокия ба шарқ дар Осиёи Хурд ҷойгир буд, дар рӯзҳои мо Коня ном дорад.

**14,1-2** Дар Қуния, инчунин дар дигар ҷойҳо, ки куништҳо мавҷуд буданд, ба Павлус ва Барнаббо мувофиқи расму русуме ки он давра дар байни яҳудиён васеъ паҳн гашта буд, ба мавъиза кардан иҷозат доданд. Рӯҳи Худо сухани онҳоро чунон пурқувват гардонд, ки *шумораи зиёде аз яҳудиён* ва ғайрияҳудиёне ки ба дини яҳудӣ рӯ оварда буданд, ба Худованд Исо имон оварданд. Ин қаҳру ғазаби он яҳудиёнеро овард, ки ба Хушхабар итоат карданро рад карданд, ва онҳо дар навбати худ, *ғайрияҳудиёнро шӯронида, ба муқобили бародарон барангехтанд*. Дар китоби Аъмол барангезандагони таъқибот ба муқобили расулон аксаран яҳудиёни имон наоварда буданд, ҳарчанд онҳо аксаран худашон амал намекарданд. Онҳо ғайрияҳудиёнро барои ба амал овардани ниятҳои бадкоронаи худ устокорона моил кунонида метавонистанд.

**14,3** Тезутунд шудани вазъиятро ҳис карда, мавъизакунандагон дар ҳар ҳол ба номи *Худованд далерона* сухан ронданро давом медоданд. Худованд ба онҳо қудрати *аломатҳо* ва *муъҷизаҳо* ба амал оварданро ато карда, тасдиқ мекард, ки мавъизаи онҳо аз Худост. *Аломатҳо ва муъҷизаҳо* – ду калимаи ифодакунандаи ҳодисаҳои фавқулода мебошанд. Калимаи «аломатҳо» онро ифода мекунад, ки дар ҳодиса сабақи муайяне мавҷуд аст, дар ҳоле ки «муъҷизаҳо» бояд эҳсоси тарси эҳтиромонаро оид ба корҳои Худо ба амал орад.

**14,4-7** Ба қадри афзоиши шиддатнокӣ дар шаҳр тарафҳои муқобил возеҳ намудор гаштанд. *Баъзе тарафдори яҳудиён ва дигарон тарафдори расулон буданд*. Оқибат *ғайрияҳудиёни* беимон *ва яҳудиён* низоъ ба амал оварданд, то ин ки ба расулон[52] ҳуҷум оваранд. Онҳо мехостанд онҳоро сангсор кунанд, вале расулон ба ЛУСТРА ва ДАРБА, шаҳрҳо дар ЛЕКОУНИЯ, вилояте ки дар маркази Осиёи Хурд ҷойгир аст, баромада рафтанд. Онҳо бо ҷидду ҷаҳди сустнашаванда дар тамоми кишвар *башорат медоданд*.

Вақте ки ба Павлус ва Барнаббо сангсоркунӣ таҳдид мекард, *онҳо ба Лекоуния гурехта рафтанд*. Аз афти кор, дар дигар мавридҳои ба ин монанд онҳо дар тамоми тӯли хизмати миссионерии худ, ба хавфу хатар нигоҳ накарда дар ҷойҳои худ мемонданд. Чаро дар вазъияти зерин онҳо гурехтанд, вале дар дигар ҳолатҳои ба ин монанд қатъият нишон медоданд? Чунон ки ба мо менамояд, ба ин савол ҷавоби якхела нест. Принсипи асосии хизмати расулон роҳбарии Рӯҳулқудс буд. Ин одамон дар алоқаи зич бо Худованд зиндагӣ мекарданд. Дар Ӯ буда, онҳо ҳамеша дар бораи ният ва хости Худо медонистанд. Барои онҳо танҳо ҳамин муҳим буд, на ин ки маҷмуи қоидаҳо ва тарзи рафтори қатъиян муқарраршуда.

**14,8-9** Дар *Лустра* миссионерон одамеро вохӯрданд, ки модарзод *шал* буд. *Суханони Павлусро* гӯш карда, ӯ шавқи фавқулода зоҳир кард. Павлус ба чӣ тариқе фаҳмид, ки ин *одам барои шифо ёфтан имон дорад*. Ҳарчанд дар ин ҷо рӯйрост гуфта нашудааст, ки чӣ хел *Павлус* дар ин бора фаҳмид, мо чунин мешуморем, ки ба муждабари ҳақиқӣ қобилияти пай бурдани ҳолати рӯҳонии он одамоне ки ӯ бо онҳо робита мекунад, дода шудааст. Ӯ метавонад фарқ кунад, ки дар онҳо танҳо кунҷковии одист ё ин ки рӯҳи онҳо дар ҳақиқат гунаҳкор будани худро фаҳмида, ғамгин аст.

**14,10-12** Ҳамин ки *Павлус* ба ин мард фармуд, ки бар пойҳои худ рост истад, *он мард ҷаста хест ва ба роҳ рафтан даромад*. Азбаски муъҷиза дар пеши чашми одамон рӯй дод ва Павлус, бешубҳа, *бо овози баланд гап зада* диққати оммаро ба худ ҷалб кард, ба *мардум* ин таассуроти зиёд бахшид. Худи ҳамон замон дар байни мардум овозҳо шунида шуданд, ки *Барнабборо Зевс* ва *Павлусро Ҳермис*[53] меномиданд. *Мардум* дар ҳақиқат гумон карданд, ки дар сурати ин ду миссионер *худоҳои* онҳо падид омаданд. Бо як сабаби гуфтанашуда онҳо *Барнабборо* худои сарвар шумориданд. Азбаски Павлус *сухангӯи асосӣ* буд, онҳо ба хулоса омаданд, ки ӯ – *Ҳермис*, қосиди *Зевс* аст.

**14,13** Ҳатто *коҳини ибодатгоҳи Зевс* боварӣ дошт, ки онҳоро дар ҳақиқат худоён зиёрат кардаанд. Ӯ бошитоб аз парастишгоҳи дар назди дарвозаи *шаҳр* ҷойгиршуда бо *барзаговон ва тоҷҳои гул* баромад, то ки қурбонии бузург ба амал орад. Чунин ҳаракат барои дини масеҳӣ нисбат ба ҳамаи дигар шаклҳои маъмули мухолифат таҳдиди хеле мукаммалтаре дошт. Тамоми диққатро на ба Масеҳ, балки ба хизматгорони Ӯ ҷалб кардан ба муваффақияти

мавъизаи масеҳӣ назар ба таъқибот ба дараҷаи хеле бештар таҳдид менамояд.

**14,14-15а** Дар аввал Барнаббо ва Павлус намедонистанд, ки мардум чӣ кор карданианд, зеро ки шеваи лекоуниро намедонистанд. Ҳамин ки ба миссионерон аён гашт, ки одамон ба онҳо чун ба худоён таъзим намуданӣ ҳастанд, ба аломати қаҳру ғазаб ва эътироз *либосҳои худро даронданд.* Баъд аз он онҳо *ба миёни мардум давида даромаданд* ва бо қатъият мардумонро аз ин гуна беақлӣ боздоштанӣ шуданд. Онҳо худо нестанд, онҳо одаманд, ба *монанди* лекоуниҳо. Мақсади онҳо – расондани Хушхабар ба мардум аст, то ин ки *аз бутҳои* беҷон *гашта, ба Худои зинда рӯ оваранд.*

**14,15б-17** Он чиз диққатро ба худ ҷалб менамояд, ки бар хилофи мавъиза ба яҳудиён, Павлус ва Барнаббо ба ин ғайрияҳудиён Аҳди Қадимро иқтибос намеоварданд. Ба ҷои ин онҳо аз таърихи офариниш, ки ҳамеша ба мардуми бутпараст дар ҳамаи кишварҳо ва дар ҳама даврҳо шавқовар буд, сар карданд. Мавъизагарон шарҳ доданд, ки *дар наслҳои пешина* Худо ҳамаи халқҳоро роҳ додааст, ки *бо роҳи худ раванд.* Вале ҳатто ҳамон вақт ҳам дар онҳо шаҳодати вуҷуд доштани Худо – офариниш ва ғамхории Ӯ дар ҳаққи онҳо буд. Маҳз Ӯ, онҳоро дӯст дошта, ба онҳо аз осмон *борон мебоөронад, фаслҳои бороварро мебахшад, ба* онҳо *хӯрок медиҳад ва дилҳои* онҳоро *аз шодмонӣ пур мекунад.* Ибораи хушобуранги охирин онро ифода мекунад, ки *хӯроки* барои тан заруриро фиристода, Худо *дилҳои* онҳоро аз *шодмонӣ* пур мекард, ки он аз лаззати *хӯрок* сар мезанад.

**14,18** Мавъиза натиҷаи дилхоҳ бахшид. Одамон, ҳарчанд бо дили нохоҳам, бе майлу рағбат бошад ҳам, аз мақсади ба ин хизматгорони Худованд *қурбонӣ кардан* даст кашиданд.

**14,19-20** *Яҳудиён аз Антокияи* Писидия ва *Қуния* ба *Павлус* ва Барнаббо дар Лустра расида гирифтанд. Ба онҳо дар ин ҷо ҳам муяссар гашт, ки ғайрияҳудиёнро бар зидди миссионерон иғво андозанд. Худи ҳамон одамони одӣ, ки тайёр буданд расулонро ба монанди Худо парастиш кунанд, акнун *Павлусро сангсор карданд ва ба гумони он ки мурдааст, аз шаҳр берун кашиданд.*

Шарҳи Келлӣ ба ин порча аз ҳама муносибтар аст:

*Чаро ин ҳодиса рӯй дод? Худи рад карданӣ ҳурмату эҳтироме ки аҳолии Лустра ба онҳо карданӣ буданд, ба одам ба дараҷаи олӣ таҳқиромез аст ва ӯро водор мекунад, то ба манфуртарин дурӯғ дар бораи онҳое ки тайёр буд Худо шуморад, бовар кунад. Парастиш – ҳисси бо ваҷд саршор аст, ва агар объекти он ба умеди вогузошта сазовор нашавад, он ба зудӣ ба нафрат табдил меёбад ва ба марги оне ки пештар чун худо парастида мешуд, оварда расониданаш мумкин аст. Бар хилофи малитиҳо, ки дар аввал Павлусро қотил ҳисобиданд ва баъд худо ҳисобиданд (Аъм. 28,6), мардуми Лустра муносибати худро ба Павлус ба тарафи муқобил иваз карданд. Ба иғвои яҳудиён гӯш андохта, ҳарчанд одатан аз ақидаи онҳо нафрат доштанд, ӯро ҳамчун пайғамбари дурӯғин сангсор карданд, ҳамонеро ки ба ӯ қурбонӣ кардан мехостанд, ва аз шаҳр берун кашида, чун мурда монда рафтанд.*[54]

Баъд аз он ки ӯро сангсор карданд, оё Павлус дар ҳақиқат *мурда* буд? Агар дар 2Қуринтиён 12,2 маҳз ҳамин ҳодиса тасвир ёфта бошад, ҳатто ӯ инро намедонист. Мо танҳо як чизро гуфта метавонем: шифоёбии ӯ муъҷизанок аст. Вақте ки *шогирдон дар гирди ӯ ҷамъ омаданд, бархеста, бо онҳо ба шаҳр даромад. Фардои он рӯз бо Барнаббо сӯи ДАРБА равона шуд.*

**14,21** Миссионерон ба бехатарии худ аҳамияти зиёде намедоданд. Ба ин он далел ишорат мекунад, ки дар Дарба *башорат дода,* онҳо баргашта аз *ЛУСТРА* гузаштанд, аз он ҷое ки Павлусро сангсор карда буданд. Ин қобилияти тез барқарор кардани қувва ва ба ҷои пештара баргаштанро бо мисол тасвир мекунад.

Ҳарчанд дар ин ҷо Тимотиюс зикр карда намешавад, эҳтимол, маҳз дар ҳамин вақт ба шарофати мавъизаи Павлус ӯ наҷот ёфт. Вақте ки расул дафъаи дигар ба *Лустра* омад, Тимотиюс аллакай шогирд буд ва дар байни бародарон ҳурмату эҳтироми зиёде дошт (Аъм. 16,1.2). Вале он далел, ки Павлус баъдтар ӯро фарзанди ҳақиқӣ дар имон (1Тим. 1,2) меномад, ҳатман онро ифода намекунад, ки маҳз Павлус ӯро назди Масеҳ овард. Эҳтимол, ӯ ба ибрати Павлус дар зиндагӣ ва хизмат пайравӣ карда «фарзанди ҳақиқӣ» гашта буд.

Вақте ки хизмати миссионерон дар *Лустра* ба охир расид, онҳо аз нав ба *Қуния* ва

*Антокияи* Писидия, ки аллакай пештар дар он ҷо ҷамоатҳо барпо шуда буд, рафтанд. Мақсади ин дафъа ба ин ҷо омадани онҳо он буд, ки мо ҳозир «омӯзондани навимонон» меномем. Онҳо ҳеҷ гоҳ танҳо бо мавъизаи Хушхабар ва ба назди Наҷотдиҳанда овардани одамон қонеъ намегардиданд. Барои онҳо ин танҳо давраи аввал буд. Сипас онҳо мекӯшиданд навимононро дар имони муқаддас қавӣ гардонанд ва алалхусус таълимотро оид ба Ҷамоат ва ҷои махсусеро, ки дар нақшаи илоҳӣ ба он ҷудо карда шудааст, ба онҳо фаҳмонанд.

Эрдман ишора мекунад:

*Мақсади нақшаи бояду шояд такмилёфтаи фаъолияти миссионерӣ – дар ҳар як минтақа барпо кардани ҷамоатҳои худидоракунанда, ҳаётан устувор ва қобили инкишофи соҳибихтиёр аст. Ин ҳамеша мақсад ва фаъолияти амалии Павлус буд.*[55]

**14,22** Омӯзондани навимонон, якум, дар *қувват додани дилҳои шогирдон* ва *устувор* гардонидани масеҳиён *дар имон* ба воситаи ҳидоят бо Каломи Худо иборат аст. Павлус ин ҷараёнро дар Кулассиён 1,28.29 тасвир намудааст: «Ва Ӯро мо мавъиза намуда, ба ҳар кас мефаҳмонем ва ба ҳар кас ҳар ҳикматро ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар Исои Масеҳ комил гардонида ҳозир кунем; барои ҳамин ҳам ман меҳнат мекунам ва бо таъсири қуввату Ӯ, ки дар ман қодирона амал мекунад, ҷидду ҷаҳд менамоям».

Сониян, онҳо *дар имон* устувор монданро мефаҳмонданд. Агар таъқиботи хеле васеъро ба эътибор гирем, чунин панд махсусан айни муддао буда метавонист. Ба ин панд огоҳкунӣ ҳамроҳ буд дар бораи он *ки бояд бо муносибатҳои бисёр ба Подшоҳии Худо дароем.* Ин ба Подшоҳииояндаи Худо дахл дорад, ки дар он имондорон ҷалоли Масеҳро бо ҳам мебинанд. Одам ба Подшоҳии Худо ба воситаи аз боло зода шудан ворид мешавад. Таъқибот ва *мусибатҳо* наҷот намедиҳанд. Вале роҳ ба ҷалолиояндаи онҳое ки имон оварда, *ба Подшоҳии Худо* ворид мешаванд, чунон ки ба онҳо Павлус ваъда медиҳад, пур аз *мусибат* аст: «... агар ҳақиқатан бо Ӯ азобу уқубат кашем, то низ бо Ӯ ҷалол ёбем» (Рум. 8,17).

**14,23** Дар айни замон миссионерон *дар ҳар ҷамоат* ҳамчунин *пиронро таъйин карданд.* Ба ин муносибат якчанд қайдҳо кардан зарур аст:

1. Пирони замони Аҳди Нав худотарс, мардони баркамоле буданд, ки дар ҷамоатҳои маҳаллӣ роҳбарии рӯҳонӣ ба амал меоварданд. Онҳо ҳамчунин усқуф ё нозир номида мешаванд.
2. Дар китоби Аъмол пирон дарҳол, ҳамин ки ҷамоат барпо мешуд, таъйин карда намешуданд. Аксаран ин корро расулон дар вақти бори дуюм ба ҷамоат омаданашон мекарданд. Дигар хел карда гӯем, дар ин муддат онҳое ки Худи Рӯҳулқудс ба онҳо пирони ҷамоат шуданро муқаррар кардааст, шинохта шуда метавонистанд.
3. Пирон аз тарафи расулон ё намояндагони онҳо таъйин карда мешуданд. Аҳди Нав, ки дастури аниқ медиҳад, ки пирон бояд ба чӣ гуна талабот ҷавоб диҳанд, дар он вақт ҳанӯз навишта нашуда буд. Вале расулон медонистанд, ки ин талаботҳо чӣ гунаанд ва метавонистанд одамони дорои сифатҳои заруриро ҷудо карда гиранд.
4. Имрӯз дар мо расулоне ки пиронро таъйин карда метавониста бошанд, нестанд. Вале мо дар бораи сифатҳои барои пирон (усқуфон) зарурӣ дар 1Тимотиюс 3 ва дар Титус 1 хонда метавонем. Ҳамин тариқ, ҳар як ҷамоати маҳаллӣ бояд дар байни аъзоёни худ одамонеро дарёфт карда тавонад, ки ба талаботҳои ба хизматгузорон пешниҳод мекардаи Худо мувофиқат мекунанд.

Баъд аз он ки Павлус ва Барнаббо *дуо* гуфтанд *ва рӯза* гирифтанд, онҳоро *ба Худованде* ки ба Ӯ имон оварда буданд, *супурданд.* Шояд ба мо тамоман аҷиб намояд, ки дар чунин давраи кӯтоҳ ҷамоатҳо ташкил шуда метавонистанд. Танҳо дар давоми муддати хеле кӯтоҳ ба онҳо роҳбарӣ ва таълими миссионерон лозим шуд ва ба ин нигоҳ накарда онҳо кори Худовандро чун ҷамоатҳои мустақил вуҷуддошта бисёр хуб давом медоданд. Ҷавоб охири охирон дар қувваи пурқудрати Рӯҳулқудс аст. Ин қувва дар зиндагонии одамони ба Павлус ва Барнаббо монанд падидор мегардид. Онҳо ҳар ҷое ки мерафтанд, бо ибрати худ атрофиёнро ба Худо равона мекарданд. Одамон самимият ва садоқати зиндагонии онҳоро медиданд. Мавъизаи онҳо бо ибрати шахсиашон тасдиқ мегашт ва таъсири чунин шаҳодати дукарата бебаҳо буд.

Оятҳои 21-23 нақшаи одии фаъолияти расулонро тасвир менамоянд: мавъизаи Хушхабар, таълими навимонон ва ташаккулу мустаҳкамкунии ҷамоатҳо.

**14,24-26** *Баъд аз Писидия гузашта,* онҳо ба ҷануб, ба *ПАМФИЛИЯ* равона шуданд.

Баъд аз он онҳо аз нав ба *ПИРҶА* омаданд, аз он ҷо бошад, ба бандари баҳрии *АТТОЛИЯ фуромаданд,* ки дар он ҷо ба киштӣ савор шуда ба *АНТОКИЯИ* Сурия омаданд. Он нуқтаи охирини сафари аввалини миссионерии онҳо гашт. Маҳз дар *Антокия* онҳо, *баҳри хизмате ки* ҳоло *ба ҷо оварданд, ба файзи Худо супурда шуда буданд.*

**14,27** Эҳтимол, чӣ гуна хурсандиовар буд он рӯзе ки ҳамаи масеҳиёни Антокия ҷамъ омаданд, то нақли корнамоиҳои миссионерии ин ду баргузидаи бузурги Худоро шунаванд. Бо хоксории ба масеҳиён хос *онҳо нақл карданд, ки Худо бо онҳо чиҳо кард ва чӣ гуна Ӯ дарвозаи имонро ба ғайрияҳудиён кушод.* Ин нақл на дар бораи он буд, ки онҳо *барои Худо* чӣ кор карданд, балки дар бораи он буд, ки Ӯ ба воситаи онҳо чиро ба амал овардан мехост.

**14,28** Онҳо *муддати дарозе* дар Антокия *бо шогирдон монданд.* Ба ақидаҳои гуногун, онҳо аз як сол то ду сол дар он ҷо монданд.

---

## ТАРЗИ ПЕШ БУРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МИССИОНЕРӢ

Он чиз ҷолиби диққат аст, ки чӣ хел як гурӯҳи хурди номбарнашудаи шогирдон, ки дар як кунҷи фаромӯшшудаи ҷаҳон зиндагӣ мекарданд, аз ваҳйи хеле хуб илҳом гирифта баҳри расонидани Хушхабар ба тамоми ҷаҳон равона шуданд ва онҳо чӣ гуна аз уҳдаи иҷрои ин вазифа баромаданд. Ҳар яки онҳо худро бевосита барои ин кор ҷавобгар меҳисобид ва ба тамом ба он дода мешуд.

Аксаран Хушхабарро масеҳиёни маҳаллӣ мерасонданд, дар айни ҳол корҳои ҳаррӯзаи худро тарк намекарданд. Онҳо Хушхабарро ба ҳамсоягони худ паҳн мекарданд.

Ба ғайр аз ин, расулон ва дигар сафаркунандагон Хушхабарро мавъиза карда ва ҷамоат барпо намуда, аз як кишвар ба кишвари дигар мегаштанд. Онҳо дунафарӣ, ё ин ки бо гурӯҳҳои хурд ба роҳ мебаромаданд. Баъзан ба калонтар хурдтар ҳамроҳ мешуд, масалан, Тимотиюс ба Павлус.

Фаъолияти миссионерӣ асосан бо ду роҳ ба амал оварда мешуд: ба воситаи расонидани хушхабар ба як шахс ва ба гурӯҳҳои зиёди одамон. Вобаста ба охирин зикр кардан воҷиб аст, ки аксаран мавъизаҳо ногаҳонӣ буданд ва ба онҳо ҳодисадои маҳаллӣ, ё ин ки вазъиятҳои бухронӣ сабаб мешуданд.

*Қариб ҳамаи мавъизаҳои дар ин ҷо (дар китоби Аъмол) овардашуда дар вазъиятҳое гуфта мешуданд, ки барои миссионер барои тайёрӣ ба баромад ягон хел имкониятро намедоданд; ҳар як ҳодисаи тасвирёфта ногаҳонӣ буд.*[56]

Чунон ки Е. М. Баундс гуфтааст, фаъолияти миссионерии онҳо бо баромади яксоата ба охир намерасид, балки тамоми зиндагии онҳоро фаро мегирифт.

Ба расулон ва ҳамроҳони онҳо Рӯҳулқудс роҳбарӣ мекард, вале ин роҳбарӣ аксар аз тарафи ҷамоати маҳаллии онҳо тасдиқ мешуд. Ҳамин тавр, мо мехонем, ки ҳангоме пайғамбарон ва муаллимон дар Антокия Барнаббо ва Павлусро ба сафари миссионерии аввалин мефиристоданд, ба сари онҳо даст гузоштанд (13,2). Ва ҳамчунин, пеш аз он ки Тимотиюс бо Павлус равона шавад, дар бораи ӯ бародарон аз Лустра ва Қуния шаҳодат доданд (16,2). Павлус ва Силоро ҷамоати Антокия пеш аз сафари миссионерии онҳо ба файзи Худо супурданд (15,40).

Одатан мегӯянд, ки стратегияи чугрофии расулон мавъиза дар шаҳрҳои бузург ва ташаккули ҷамоатҳо дар он ҷо буд, ки баъд онҳо ба маҳалҳои наздик хабари хуш мерасониданд. Эҳтимол, ин фаҳмиши хеле сатҳӣ ва сода мебошад. Асоси стратегияи онҳо ба нишондоди Рӯҳулқудс пайравӣ кардан буд, ба ҳар ҷое ки Ӯ онҳоро роҳнамоӣ кунад: ба шаҳри бузург ё ба деҳаи хурдакак. Рӯҳулқудс Филиппусро аз Сомараи серодам ба роҳи Ғазза барои ба як кас расонидани хушхабар бурд (8,26-40). Ва Худи Ӯ Павлусро ба Бирия овард (17,10), ки Сисерон онро «шаҳри аз роҳҳо берун» меномид. Росташро гӯем, дар китоби Аъмол стратегияи ҷуғрофии қатъиян интихобшуда ва иваэнашавандаро намебинем. Аниқтараш, мо дар ин ҷо роҳнамоии соҳибихтиёронаи Рӯҳро мебинем, ки ба хости бузурги Ӯ мувофиқат мекунад.

Дар ҳар ҷое ки одамон Хушхабарро дарк карда метавонистанд, ҷамоатҳои маҳаллӣ ташкил карда мешуданд. Ҷамъомадҳои онҳо ба хизмат хусусияти тағйирнопазир ва устуворро мебахшид. Ин Ҷамоатҳо худидорашаванда, аз ҷиҳати молиявӣ мустақил ва худпаҳншаванда буданд. Расулон ҳар сари чанд вақт ба ҷамоатҳо меомаданд, имондоронро устувор гардонида, насиҳат дода (14,21.22; 15,41; 20,1.2) пиронро таъйин мекарданд (14,23).

Дар сафарҳои миссионерӣ расулон ва ҳамсафаронашон баъзан худро таъмин мекарданд (18,3; 20,34) ва баъзан аз ҳисоби хайрот аз ҷамоат ва шахсони алоҳида (Фил. 4,10.15-18) зиндагонӣ мекарданд. Павлус на танҳо барои таъмини эҳтиёҷоти худаш, балки ҳамчунин барои таъмини эҳтиёҷоти онҳое ки бо ӯ буданд, кор мекард (20,34).

Ҳарчанд ҷамоатҳои маҳаллӣ расулонро ба файзи Худо *месупурданд* ва онҳоро аз ҷиҳати моддӣ *дастгирӣ мекарданд,* онҳоро *назорат намекарданд.* Расулон фиристодагони озоди Худо буданд, ки ягон чизи фоидаоварро аз даст надода, хости Худоро хабар медоданд (20,20).

Дар охири сафари миссионерии худ онҳо ба ҷамоати худ баргашта дар назди он дар бораи он ки Худованд ба воситаи онҳо чӣ гуна амал мекард, ҳисобот медоданд (14,26-28; 18,22.23). Ин ибрати наҷибест барои тақлид ба ҳамаи миссионерон дар ҳамаи давраҳо.

---

## Ғ. Машварат дар Уршалим (15,1-35)

**15,1** Баҳсе ки дар атрофи хатна дар калисои Антокия ба амал омад, ҳамчунин дар Ғалотиён 2,1-10 тасвир карда шудааст. Ҳар ду ҳикояро якҷоя карда, мо чунин манзараро ба даст меорем: *баъзе* бародарони дурӯғин *аз* калисои Уршалим ба Антокия омаданд ва дар он ҷо мавъиза карданро сар карданд. Мақсади мавъизаи онҳо ин буд: барои он ки *наҷот ёбанд,* ғайрияҳудиён бояд *хатна карда шаванд.* Имон овардан ба Худованд Исои Масеҳ басанда нест, онҳо бояд боз ба шариати *Мусо* итоат кунанд. Ин, албатта, ҳуҷуми рӯйрост ба Хушхабар дар бораи файзи Худо буд. Мувофиқи файзи ҳақиқии Хушхабар Масеҳ кори наҷотро дар салиб ба охир расонд. Коре ки гунаҳкор бояд кунад, танҳо имон овардан ба Ӯ мебошад. Ҳамин ки сухан дар бораи корҳои нек ва хизмати шоёни одам меравад, наҷот атои файз буданашро қатъ мекунад. Ҳамчун файз, наҷот пурра ба Худо вобаста аст, на ба одам. Агар ягон хел талабот ба вуҷуд ояд, пас, он аз атои наҷот ба қарз табдил меёбад. Наҷот бошад ато *мебошад;* онро дар ивази хизмат ва ё бо сазовор шудан ба даст овардан номумкин аст.

**15,2-3** *Павлус ва Барнаббо* ғайратмандона ба тарафдорони дини яҳудӣ муқобилат мекарданд, зеро мефаҳмиданд, ки онҳо барои аз озодӣ маҳрум кардани имондорони ғайрияҳудие ки дар Масеҳ мебошанд, омадаанд.

Дар ин ҷо, дар боби 15-уми китоби Аъмол ба мо маълум мегардад, ки бародарон дар Антокия қарор доданд *Павлус ва Барнаббо ва чанд нафари дигарро назди расулон ва пирон ба Уршалим* фиристанд. Дар Ғалотиён 2,2 Павлус мегӯяд, ки ӯро ваҳй водор кард, ки ба Уршалим равад. Дар ин ҷо, албатта, зиддият нест. Рӯҳи Худо ба Павлус ошкор кард, ки ӯ бояд равад, Ӯ ҳамчунин ба ҷамоати Антокия ошкор кард, ки бояд ӯро равона намояд. Гурӯҳ дар роҳ *ба Уршалим* дар ҷойҳои гуногуни *Финиқия ва Сомара* ист мекард ва *дар бораи имон овардани ғайрияҳудиён ҳикоят мекард* ва бо ин дар ҳама ҷо *шодии беғоят* зиёде ба амал меовард.

**15,4** Чун ба *Уршалим* расид, Павлус пеш аз ҳама ба назди *расулон ва пирон* омад ва дар он ҷо дар суҳбати алоҳида ба онҳо дар бораи Хушхабаре ки ба ғайрияҳудиён мавъиза мекард, нақл намуд. Онҳо наметавонистанд эътироф накунанд, ки ин худи ҳамон Хушхабар буд, ки ба яҳудиён мавъиза карда мешуд.

**15,5** Баъзе аз *фарисиёни* масеҳӣ *бархеста* гуфтанд, ки бояд ғайрияҳудиёнро хатна карда фармоянд, ки *шариати Мусоро риоя кунанд,* бе ин онҳо шогирдони ҳақиқӣ шуда наметавонанд. Аз афти кор, ин дар маҷлиси умумии ҳамаи ҷамоат рӯй дод.

**15,6** Аз ояти 6 чунин намуданаш мумкин аст, ки дар вақти баровардани қарори охирин танҳо *расулон ва пирон* ҳузур доштанд. Вале ояти 12 ба он ишорат мекунад, ки дар он ҷо ҳамчунин ҳамаи аъзоёни ҷамоат буданд.

**15,7-10** Вақте ки *Петрус бархест,* мухолифон, эҳтимол, қарор доданд, ки ӯ нуқтаи

назари онҳоро дастгирӣ менамояд. Охир, *Петрус* ба хатнашудагон Хушхабар мерасонд. Вале онҳоро ноумедӣ интизор буд. *Петрус* ба ҳозирон хотиррасон кард, ки чандин сол пеш *Худо* муайян кард, ки *ғайрияҳудиён каломи Инҷилро аз забони ӯ шунаванд.* Ин дар хонаи Корнилюс рӯй дод. Вақте *Худо* дид, ки дилҳои ин *ғайрияҳудиён* бо имон ба Ӯ нигаронида шудаанд, *Ӯ ба онҳо Рӯҳулқудсро бахшид,* чунон ки ба яҳудиён дар рӯзи Пантикост. Он вақт *Худо* аз ин *ғайрияҳудиён* хатнаро талаб накард. Он ҳақиқат, ки онҳо *ғайрияҳудӣ* буданд, ҳеҷ гуна аҳамияте надошт: *Ӯ дилҳои онҳоро бо имон* пок кард. Азбаски *Худо* ғайрияҳудиёнро на аз боиси риояи шариат, балки дар асоси *имон* қабул намуд, *Петрус* ба ҷамъомадагон савол дод, ки чаро онҳо ҳозир *мехоҳанд* ба ғайрияҳудиён *юғи* шариатро *андозанд – юғеро, ки онро* на *падарони* онҳо, на худи онҳо *бардошта натавониста буданд.* Шариат ҳеҷ гоҳ ҳеҷ касро наҷот надодааст. Вазифаи он ҳукм баровардан буд, на ин ки сафед кардан. Шариат ба одам дар бораи гуноҳ маълумот медиҳад, вале ӯро аз он наҷот намедиҳад.

**15,11** Суханҳои охирини Петрус диққати махсусро сазоворанд. Ӯ ақидаи амиқи худро ифода кард, ки *мо* (яҳудиён) *бо файзи Худованд Исо* (на бо риояи шариат) *наҷот меёбем, ҳамчунон ки онҳо* (ғайрияҳудиён) *низ.* Интизор будан мумкин буд, ки Петрус, ҳамчун яҳудӣ, мегӯяд, ки ғайрияҳудиён чун яҳудиён наҷот меёбанд. Вале *файз* дар ин ҷо, аз афти кор, бар фарқҳои этникӣ ғалаба кард.

**15,12** Вақте ки Петрус баромади худро ба охир расонд, *Барнаббо ва Павлус* дар бораи он нақл карданд, ки чӣ тавр *Худо ба ғайрияҳудиён* зоҳир шуд ва мавъизаи Хушхабарро бо *аломатҳо ва мӯъҷизаҳо* ҳамроҳӣ кунонд.

**15,13-14** Петрус нақл кард, ки Худованд чӣ хел *дар аввал* ба воситаи ӯ дари имонро *ба ғайрияҳудиён* кушод. Павлус ва Барнаббо ба ин шаҳодати худро дар бораи он илова карданд, ки чӣ хел Худованд ба воситаи онҳо *ба ғайрияҳудиён* хабари хуш расонид. Акнун *Яъқуб* боэътиборона эълон намуд, ки дар ин давра мақсади Худованд *аз миёни ғайрияҳудиён қавмеро ба номи Худ* гирифтан аст. Ин моҳияти он чизе буд, ки дар бораи он худи ҳозир *Шимъун* (Петрус) гуфт.

**15,15-19** Баъд Яъқуб Омӯс 9,11.12-ро иқтибос овард. Диққат диҳед: ӯ намегӯяд, ки даъвати имондорон аз ҷумлаи *ғайрияҳудиён* иҷро шудани пешгӯии Омуси пайғамбар мебошад, аниқтараш, он бо *гуфтаҳои пайғамбарон мувофиқ аст.* Аз он ки *Худо ба ғайрияҳудиён* зоҳир шуд ва ба онҳо наҷот бахшид, ҳайрон шудани ҳозирон лозим набуд, зеро ин дар Аҳди Қадим хеле равшан пешгӯӣ карда шудааст. *Худо* пешгӯӣ кард, ки ғайрияҳудиён чунон ки ҳастанд, ҳамон тавр баракат дода мешаванд, на чун яҳудиёни имондор.

Иқтибос аз Омӯс ба Подшоҳии ҳазорсола дахл дорад, вақте ки Масеҳ тахти *Довудро* мегирад ва вақте ки *ҳамаи халқҳо Худовандро меҷӯянд.* Яъқуб дар назар надошт, ки пешгӯӣ дар ҳамон рӯзҳо ба амал меомад. Аниқтараш, ӯ чунин меҳисобид, ки наҷоти *ғайрияҳудиён,* ки он вақт рӯй медод, аз рӯи гуфтаи Омӯс, бо он чи баъдтар рӯй медиҳад, *мувофиқ аст.*

Инак мазмуни кӯтоҳи нутқи Яъқуб: Аввал Худо *ба назди ғайрияҳудиён* ташриф меоварад, *то ин ки аз онҳо қавме ба номи Худ* барпо намояд. Дар он вақт маҳз ҳамин рӯй медод (ва то ҳозир давом дорад). *Ғайрияҳудиёни* имондор дар қатори яҳудиёни имондор Ҷамоатро ташкил мекунанд. Он чизе ки дар он вақт дар миқёси хурд рӯй медод (наҷоти *ғайрияҳудиён),* баъдтар дар миқёси бағоят калоне рӯй медиҳад. Масеҳ бармегардад, давлати Исроилро барқарор мекунад ва *ҳамаи халқҳоро, ки номи Ӯ бар онҳо хонда мешавад*, наҷот медиҳад.

Ҳодисаҳои дар рӯзҳои ӯ рӯйдодаро Яъқуб боздиди аввалини *ғайрияҳудиён* меҳисобид. Ӯ ҳис мекард, ки ин зиёрати аввалин хеле хуб бо пешгӯии Омус мувофиқат мекунад – боздиди ояндаи ғайрияҳудиён, вақте ки Масеҳ ба замин аллакай чун Подшоҳ бармегардад. Ин ду ҳодиса мувофиқат мекунанд, ҳарчанд як нестанд.

Инчунин ба пайдарпайии ҳодисаҳо диққат диҳед:

1. Ҳозир, дар давраи файз, аз *ғайрияҳудиён қавмеро ба номи Худ* интихоб кардан (ояти 14).
2. Барқарор кардани бақияи имондор аз халқи Исроил дар давраи омадани дуюми Масеҳ (ояти 16).
3. Наҷоти халқҳои ғайрияҳудӣ баъди аз нав барпо шудани Исроил (ояти 17). Дар ин ҷо ин ғайрияҳудиён чун *«ҳамаи халқҳое*

*ки номи Ман бар онҳо хонда мешавад»* номида шудаанд.

Оятҳо аз Омӯс 9,11.12, ки Яъқуб иқтибос мерад, аз худи ҳамин оятҳо дар баёни Аҳди Қадим хеле фарқ мекунанд. Қисман ин фарқро бо он далел фаҳмонидан мумкин аст, ки Яъқуб, эҳтимол, матни юнонии Аҳди Қадимро иқтибос оварда буд. Вале иқтибос аз порчаи дахлдори Септуагинта низ фарқ мекунад. Яке аз шарҳҳо чунин аст: худи ҳамон Рӯҳулқудс, Оне ки замоне ин суханонро ба пайғамбар талқин кард, ҳозир ба иваз кардани онҳо иҷозат дод, то ки онҳо ба ҳалли масъалае ки ба миён омадааст, мусоидат кунанд. Шарҳи дуюм аз он иборат аст, ки дар боби 9-уми Омӯс дар дастхатҳои гуногуни қадимаи яҳудӣ фарқи нусхаҳо вомехӯрданд. Элфорд чунин меҳисобад, ки Яъқуб, эҳтимол, тарҷумаи ба матни қабулшудаи қадимаи яҳудӣ наздикро иқтибос овардааст, вагарна фарисиён ҳеҷ гоҳ ин иқтибосро ба сифати исбот қабул намекарданд.

*Пас аз ин баргашта* ... (ояти 16). Яъқуб аллакай гуфта буд, ки дар замони ҳозира Худо дари имонро ба *халқҳо* мекушояд. На ҳамаи онҳо наҷот меёбанд, вале Ӯ *аз онҳо халқе* барои номи Худ *барпо менамояд*. Дар ин ҷо Яъқуб илова намуд, ки *пас аз ин,* яъне пас аз он ки аз ҳамаи халқҳо Ҷамоат барпо карда мешавад, Худо бармегардад ва *хаймаи Довудро, ки фурӯ ғалтидааст ва хароб гардидааст, аз нав барқарор мекунад. Хаймаи Довуд* – ибораи маҷозии ифодакунандаи хонадон ё насли Довуд аст. Аз нав ба вуҷуд овардани он – аз нав барпо шудани оиндаи сулолаи подшоҳӣ ва тахти *Довуд* аст, ки ба он Масеҳ чун Подшоҳ менишинад. Он гоҳ Исроил манбаи баракат барои ҳамаи ҷаҳон мегардад. *Бақияи одамон ва ҳамаи халқҳое ки номи Ман бар онҳо хонда мешавад, Худовандро меҷӯянд.*

Иқтибос аз Омӯс бо тасдиқи он ба охир мерасад, ки ин суханони *Худовандест, ки ҳамаи инро ба амал меоварад.*

Яъне, азбаски дар ҳамин марҳала мақсади Худо *аз ғайрияҳудиён халқи Худро* гирифтан аст, Яъқуб пешакӣ бар зидди он огоҳӣ медиҳад, ки ба риояи шариати Мусо маҷбур карда, *ғайрияҳудиёнро ба душворӣ наандозанд.* Агар сухан дар бораи наҷот равад, барои он ҳамагӣ имон зарур асту бас.

**15,20** Вале ба ҷавоби ҷамоати Антокия ӯ ба имондорон маслиҳат пешниҳод намуд, ки *аз нопокии бутҳо, аз фосиқӣ, аз гӯшти ҳайвоноти хафашуда ва аз хун парҳез кунанд.* Дар назари аввал мумкин чунин намояд, ки Яъқуб худаш ба худаш мухолифат мекунад. Оё ин як навъ шариатпарастӣ набуд? Оё ин барои ба шариат тобеъ шудан маҷбур кардани онҳоро ифода намекард? Ҷавоб ба ин савол аз он иборат аст, ки маслиҳати додашуда бо наҷот ҳеҷ ягон алоқа надошт. Дар ин хусус аллакай ҳамааш аниқ карда шуд. Ин маслиҳат ба робитаи дутарафаи байни масеҳиёни яҳудинажод ва масеҳиёни ғайрияҳудӣ дахл дошт. Пайравӣ ба ин маслиҳатҳо шарти наҷот набошад ҳам, он, албатта, хеле муҳим буд, зеро ки дар асрҳои аввали масеҳият барои аз мухолифатҳои тезу тунд халос шудан имконият медод.

Манъ карда шуда буд:

1. *Нопокии бутҳо* (бо бутҳо ҳаром кардашуда). Дар ояти 29 шарҳ дода мешавад, ки ин ғизои ба бутҳо қурбонишуда мебошад. Агар масеҳиёни ғайрияҳудӣ ба хӯрдани чунин ғизо давом медоданд, бародарони яҳудии онҳо метавонистанд дар асоси ҳамин саволе диҳанд, ки оё онҳо аз парастиши бутҳо даст кашидаанд. Ҳарчанд масеҳиёни ғайрияҳудӣ ҳақ доштанд чунин ғизоро хӯранд, ин метавонист барои бародарони заиф – яҳудиён ҳамчун монеа хизмат кунад ва бинобар ин нодуруст мебуд.
2. *Фосиқӣ.*[57] Ин гуноҳ беш аз ҳама дар байни ғайрияҳудиён паҳн гардида буд. Бинобар ин Яъқуб зарур донист, ки дар бораи ин гуноҳ дар қатори дигарҳо зикр намояд. Дар ҳеҷ куҷои Навиштаи Муқаддас ҳукми *аз фосиқӣ* парҳез кардан зери шубҳа гузошта намешавад. Он дар ҳамаи замонҳо эътибори худро гум намекунад.
3. *Гӯшти ҳайвоноти хафашуда.* Ин манъкунӣ аз паймони баъд аз тӯфон бастаи Худо бо Нӯҳ ибтидо мегирад (Ҳастӣ 9,4). Ба ҳамин тариқ он на танҳо барои халқи Исроил, балки барои тамоми наслҳои одамизод эътибornок аст.
4. *Хун.* Ин манъкунӣ низ аз Ҳастӣ 9,4 ибтидои худро мегирад ва ба ҳамин тариқ, аз шариати Мусо пештар ба вуҷуд омадааст. Азбаски паймони бо Нӯҳ басташуда ҳеҷ

гоҳ бекор карда нашуда буд, мо чунин мешуморем, ки ин қоидаҳо то ба имрӯз амал мекунанд.

**15,21** Ин оят мефаҳмонад, ки чаро дар ояти 20 чунин маслиҳат дода шудааст. *Дар ҳамаи шаҳрҳо* яҳудиён зиндагӣ мекарданд, ки ба онҳо ҳамеша таълим дода мешуд, ки кардани коре ки дар борааш Яъқуб пешакӣ огоҳонида буд, норавост. На танҳо рафтори бадахлоқона, балки истемоли ғизои ба бутҳо қурбонишуда, гӯшти ҳайвоноти хафашуда ва хун пургуноҳ буд. Пас чаро ба ғайрияҳудиён иҷозат дода мешуд, ки рафтори бадахлоқона карда Худоро таҳқир кунанд, ё дигар рафторҳоро карда, одамонро таҳқир намоянд?

**15,22** Пас ба қароре омаданд, ки ба ғайрияҳудиён барои наҷот хатна шарт нест. Қадами дигар – дар шакли мактуб *фиристодани* қарор дар ин бора ба ҷамоати *Антокия* буд. *Расулон ва пирон* дар Уршалим *ва тамоми ҷамоат Яҳудоро*, ки лақабаш *Барсаббо* буд ва *Силоро* – мардонеро, ки *аз пешвоёни бародарон буданд,* интихоб карданд, то ки онҳо *ҳамроҳи Павлус ва Барнаббо ба Антокия* раванд. Ин *Сило* – худи ҳамон одамест, ки баъдтар ҳамсафари *Павлус* дар сафарҳояш гашт ва ҳамонест, ки дар номаҳо Силвонус номида шудааст.

**15,23-29** Дар ин ҷо мазмуни мухтасари ин нома оварда шудааст. Дониста бошед, ки ҳамон бародарони дурӯғин, ки дар ибтидо аз Уршалим ба Антокия омада буданд, ҳеҷ гоҳ дар Уршалим аз ҷамоат ваколат ва таҳсин нагирифтаанд (ояти 24).

Вобастагии доимии шогирдон ба Рӯҳулқудс дар ояти 28 намудор мегардад: *«Зеро ки Рӯҳулқудс ва мо писандидем ...»* Касе чунин мақоми Рӯҳулқудсро «мақоми шарики калонӣ» номидааст.

**15,30-31** Вақте ки *нома* аз Уршалим дар ҷамоати *Антокия хонда шуд,* он чун *тасаллобахши* бузурге хизмат кард. Шогирдон акнун медонистанд, ки Худо онҳоро чун ғайрияҳудиён наҷот дод ва яҳудӣ шудани онҳо шарт нест.

**15,32-33** *Яҳудо ва Сило* дар Антокия барои иштирок дар якчанд маҷлис монданд, ки дар вақти он онҳо *бародаронро насиҳат доданд* ва онҳоро дар имон устувор гардонданд. Баъд аз муддати зиёде ки дар Антокия дар муносибати дӯстона ва хизматгузорӣ гузаронданд, онҳо ба Уршалим баргаштанд.

**15,34** Дар аксари дастхатҳо, аз ҷумла дар дастхатҳои қадима ояти 34 нест. Эҳтимол, он бо ташаббуси баъзе нусхабардорон пайдо шудааст, ки додани ин маълумотро зарур донистаанд, барои он ки мухолифати намоёни байни оятҳои 33 ва 40-ро шарҳ диҳанд. Дар ояти 33 чунин менамояд, ки Сило ба Уршалим баргашт. Вале баъд аз ояти 40 мефаҳмем, ки ӯ дар сафари дуюми миссионерӣ ба Павлус ҳамроҳ буд. Эҳтимол, ин масъала чунин ҳал мешавад: Сило ба Уршалим баргашт, лекин дертар аз он ҷо даъват карда шуд, то ки Павлусро дар сафарҳояш ҳамроҳӣ кунад.

**15,35** Дар зимни он *Павлус ва Барнаббо дар Антокия* монда, *каломи Худовандро таълим ва башорат медоданд.* Дар ҷамоат инчунин бисёр *касони дигари* хизматгузор меҳнат мекарданд. Дар ин вақт, эҳтимол, ҳодисаҳои дар Нома ба Ғалотиён 2,11-14 тасвирёфта рӯй доданд.

## Д. Сафари дуюми миссионерии Павлус: Осиёи Хурд ва Юнон (15,36–18,22)

**15,36-41** Вақти сар кардани сафари дуюми миссионерӣ шуд. *Павлус* дар бораи он бо *Барнаббо* гап зада, пешниҳод намуд ба шаҳрҳое раванд, ки дар он ҷо *Каломи Худовандро мавъиза карда буданд.* Вақте ки *Барнаббо* исрор намуд, ки ҷияни ӯ *Марқус* ба онҳо ҳамроҳӣ намояд, *Павлус* қатъиян ба ин муқобил баромад. Ӯ хеле хуб дар хотир дошт, ки Марқус *дар Памфилия аз онҳо ҷудо шуд* ва ӯ хавотир мекашид, ки ӯ боз чунин карда метавонад. Ранҷиш ё мухолифати байни *Барнаббо* ва *Павлус* чунон шиддат ёфт, ки ин ду хизматгузорони иззатманди Худо *аз якдигар ҷудо шуданд. Барнаббо Марқусро гирифта бо киштӣ ба Қиприс рафт,* ба ватани худ, инчунин ба ҷои истгоҳи аввалини онҳо дар сафари миссионерии аввалин. *Павлус бошад, барои худ Силоро интихоб кард, ва ба СУРИЯ* ва *КИЛИКИЯ гузашта, ҷамоатҳоро устувор менамуд.*

Оятҳои 36 ва 41 ба мо имкон медиҳанд рӯҳи ҳақиқатан шубононаи *Павлусро* боз ҳам амиқтар фаҳмем. Муҳаббат ва ғамхории ӯ дар бораи халқи Худо боре дар суханҳои муаллими барҷаста инъикос ёфт. Вай гуфт, ки барои

хизматгузорӣ омода кардани як нафар имондорро нисбат ба даъвати садҳо одамон барои сар кардани зиндагонии масеҳиёна афзалтар меҳисобад.

Дар ин ҷо ногузир саволе ба миён меояд: кӣ ҳақ аст, *Павлус* ё *Барнаббо?* Айб, аз афташ, дар ҳар дуи онҳо буд. Эҳтимол, *Барнаббо* имкон дод, ки дилбастагии табиӣ ба Марқус ба қарораш таъсир кунад. Ояти 39 нишон медиҳад, ки байни *Павлус* ва *Барнаббо ихтилофе ба миён омад*. «Аз ғурур фақат низоъ ба миён меояд» (Мас. 13,10). Пас, дар ҳодисаи зерин ҳар яке дар такаббур гунаҳкор буд. Онҳое ки *Павлусро* ҳақ мешуморанд, ба он ишорат мекунанд, ки аз ҳамин лаҳза *Барнаббо* аз саҳифаҳои китоби Аъмол ғоиб мешавад. Боз як далел: *Павлус* ва *Силоро бародарон ба файзи Худо супурда* буданд, ки ин дар бораи Барнаббо ва Юҳаннои Марқус гуфта нашудааст. Ба ҳар ҳол он чиз рӯҳбаланд мекунад, ки дар ниҳояти кор Марқус худро сафед карда тавонист ва боварии Павлусро барқарор кард (2Тим. 4,11).

---

## МУХТОРИЯТИ ҶАМОАТИ МАҲАЛЛӢ

Дар назари аввал машварат дар Уршалим як чизи ба Шурои олии ҷамоат монанд намудаанаш мумкин аст. Вале далелҳо ба ин мухолифат мекунанд.

Ҳар як ҷамоати маҳаллии имондорон дар ибтидои масеҳият мустақил, яъне худидорашаванда буд. Иттиҳоди ҷамоатҳо бо системаи марказии идоракунӣ вуҷуд надошт. Конфессияҳо (равияҳои масеҳӣ) набуданд, пас, марказҳои идоракунандаи равияҳо низ набуданд. Ҳар як ҷамоати маҳаллӣ бевосита дар назди Худованд ҷавобгар буд. Ин дар Ваҳй 1,13 акс ёфтааст. Дар он ҷо мо Худовандро дар миёни ҳафт чароғдони тиллоӣ истода мебинем, ки ҳафт ҷамоати Осиёро нишон медиҳанд. Мақсади ин ваҳй дар он аст, ки дар байни ҷамоатҳои алоҳида ва Сардори Олии Ҷамоат ҳеҷ гуна органи идоракунанда вуҷуд надорад. Ҳар як ҷамоатро *бевосита* Ӯ идора мекунад.

Барои чӣ истиклолият ин хел муҳим аст? Аввал ин ки он ба паҳн шудани иштибоҳ монеъ мешавад. Вақте ки ҷамоатҳо ба ҳамдигар алоқадоранд ва дар зери назорати ягона мебошанд, қувваҳои либерализм, ратсионализм ва дигар таълимоти барғалат метавонанд танҳо роҳбарияти марказӣ ва муассисаҳои таълимии ин равияҳоро ба даст даровардa, ҳамаи онҳоро забт намоянд. Вақте ки ҷамоатҳо мустақиланд, душман маҷбур аст ба муқобили гурӯҳҳои алоҳидаи зиёд мубориза барад.

Дуюм ин ки агар дар сари ҳокимият ҳукумати ба ҷамоат душман бошад, мустақил будани ҷамоатҳои маҳаллӣ чун омили муҳими мудофиавӣ амал мекунад. Вақте ки Калисоҳо муттаҳид ҳастанд, давлати тоталитарӣ бар болои роҳбарони камшумори идораҳои марказӣ назоратро таъмин намуда, имконияти назорат кардани ҳамаи онҳоро дорад. Ҳангоме ки ҷамоат эътироф кардани ҳар гуна ҳокимияти марказонидашударо бар худ рад мекунад, он дар давраи вазнин ба осонӣ метавонад ба фаъолияти пинҳонкорӣ равад.

Имрӯзҳо аксарияти давлатҳо, ҳам демократӣ ва ҳам бо шакли диктатории ҳукмронӣ, мекӯшанд ҷамоатҳои хурди мустақилро муттаҳид созанд. Онҳо мегӯянд, ки на бо ҷамоатҳои камшумори маҳаллӣ, балки бо идораи марказӣ, ки онҳоро намояндагӣ мекунад, сарукор доштанро афзал мешуморанд. Давлатҳои демократӣ ба онҳо имконияти имтиёз ва афзалият дода, кӯшиш мекунанд ба ташаккули чунин иттиҳодҳо мусоидат кунанд. Дигар давлатҳо бошанд, чӣ тавре ки инро Ҳитлер дар давраи ҳукмронии фашистон кард, кӯшиш мекунанд бо фармонҳо ҷамоатҳоро ба муттаҳид шудан маҷбур созанд. Дар ҳар гуна ҳолат ҷамоатҳое ки ба ин фишор тан додаанд, хусусияти инҷилӣ, инчунин қобилияти муқобилат ба кӯшиши модернизм (ҷараёне ки Навиштаи Муқаддасро чун асоси имон ва таълимот дар ҷамоат тадриҷан тарк мекунад) ва пинҳонӣ давом додани фаъолият дар давраи таъқиботро гум мекунанд.

Ба китоби Аъмол такя карда, баъзеҳо метавонанд эътироз кунанд, ки дар асл ҷамоатҳо органи марказии идоракунӣ доштанд ва маҳз – машварат дар Уршалим, ки худи ҳозир дида баромадем. Вале омӯзиши дақиқи ин порча нишон медиҳад, ки машварат ягон хел органи расмии ҳокимиятдор набуд. Ин танҳо маҷлиси расулон ва усқуфон буд, ки чун органи машваратӣ амал мекард.

Имондорони Антокияро ба маҷлис ҷеғ назаданд, онҳо худашон қарор доданд рафта, бо бародарон дар Уршалим маслиҳат кунанд. Қарори маҷлис барои ҷамоатҳо ҳатмӣ набуд; он танҳо ба сифати ақидаи ягонаи ҳамин гурӯҳи имондорон пешниҳод карда мешавад.

Таърихи Ҷамоатро ҳоҷат ба баён нест. Дар ҳар куҷое ки иттиҳодияҳои ҷамоатҳо дар зери роҳбарияти ягона ташкил мегардид, ин ногузир таназзули онро метезонид. Ҷамоатҳое ки аз ҳукмронии берунаи одамӣ озоданд, шаҳодати аз ҳама тозатарро доир ба Худо нигоҳ медоранд.

---

**16,1-2** Ҳангоме ки Павлус боз ба *ДАРБА* ва *ЛУСТРА* омад, эҳтимол воқеаҳои гузашта якбора ба ёдаш омаданд. Хотира дар бораи сангсоркунӣ дар *Лустра,* бешубҳа, метавонист ӯро ба фикре оварад, ки он боз такрор шуда метавонад, агар ӯ ба он ҷо баргардад. Вале расул медонист, ки дар он ҷо ҳам Худованд одамони худро дорад ва ҳеҷ гуна андешаҳои бехатарии шахсӣ ӯро нигоҳ дошта наметавонистанд.

Чунон ки пештар тахмин карда мешуд, *Тимотиюс,* эҳтимол, ба воситаи хизматгузории Павлус дар вақти ташрифи аввалинаш ба *Лустра,* (эҳтимол, зодгоҳи Тимотиюс) имон оварда буд. Модари Тимотиюс Авнико ва модаркалони ӯ Луид *яҳудиёни* имондор буданд (2Тим. 1,5). *Падари ӯ юнонӣ* буд ва эҳтимол, дар он вақт мурда буд.

Дили Павлус шод гардид, вақте ки аз *бародарон дар Лустра ва Қуния* фаҳмид, ки *Тимотиюс* дар имони масеҳӣ меафзуд. *Павлус* ӯро ба сафари миссионерӣ бо худ даъват намуд. Зикр мекунем, ки дар ибтидои масеҳият расулон на танҳо дунафарӣ кор мекарданд, инчунин бо худ бародарони хурдро (Марқус ва Тимотиюсро) мегирифтанд, то ин ки ба онҳо хизматгузории амалии масеҳиро омӯзонанд. Барои ин ҷавонон сафари якҷоя бо собиқадорони устувори ҳаракати миссионерии масеҳӣ чӣ гуна шараф ба ҳисоб мерафт.

**16,3** Пеш аз он ки ба роҳ барояд, *Павлус* Тимотиюсро *хатна кард.* Чаро ӯ ин корро кард, вақте ки ба наздикӣ чунон исроркорона хатна кардани Титусро рад карда буд (Ғал. 2,1-5)? Ҷавоб хеле одӣ аст: Дар мавриди Титус масъалаи асосӣ бо таълимоти масеҳӣ вобаста буд, дар ҳоле ки бо Тимотиюс тамоман вазъияти дигар аст. Муаллимони дурӯғин ба хатна кардани Титуси ғайрияҳудӣ исрор мекарданд, зеро гумон доштанд, ки бе ин ӯ наметавонад наҷот ёбад. Павлус мефаҳмид, ки чунин мавқеъ басанда будани қурбонии кафораткунандаи Масеҳро инкор мекунад, ва инро роҳ надод. Дар ин ҷо бошад, тамоман ҳодисаи дигар буд. Ҳамаи сокинони маҳаллӣ медонистанд, ки Тимотиюс аз тарафи модараш яҳудӣ мебошад. *Павлус,* Сило ва Тимотиюс барои расонидани хабари хуш раҳсипор шуда буданд. Аксаран онҳо робитаи аввалинро бо яҳудиён барқарор мекарданд. Агар ин *яҳудиён* мефаҳмиданд, ки Тимотиюс хатна нашудааст, онҳо метавонистанд ба онҳо гӯш надиҳанд; агар ӯ хатна шуда бошад, пас онҳо наметавонанд бо ин сабаб ӯро таҳқир намоянд. Азбаски ин кор аз нуқтаи назари рӯҳонӣ беаҳамият буд ва ягон хел аҳамияти таълимотӣ надошт, *Павлус* бо Тимотиюс ин маросими яҳудиро ба ҷо овард. Барои ҳама кас ӯ ҳама чиз шуд, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳад (1Қур. 9,19-23).

Эҳтимол, шарҳи овардаи мо оид ба хатнаи Тимотиюс чун воситаи ба Хушхабар ҷалб кардани шунавандагони яҳудӣ бо суханони зерин асоснок карда шудааст: *«... ва ӯро гирифта, ба хотири яҳудиёне ки дар он ноҳия буданд, хатна кард, зеро ҳама падарашро мешинохтанд, ки вай юнонӣ буд».*

**16,4-5** Се миссионер *дар ҳар шаҳри* Лекоуния *мегаштанд ва дастурҳоеро,* ки *расулон ва пирон дар Уршалим* таълиф карда буданд, *месупурданд.* Мухтасаран ин *дастурҳо* чунин буданд:

1. Аслан барои наҷот танҳо имон зарур аст. Хатна ё риояи шариат чун шарти иловагӣ шуморида шуданаш лозим нест.
2. Рафтори бадахлоқона ба ҳамаи масеҳиён дар ҳамаи давраҳо манъ карда шудааст, вале ин огоҳӣ, эҳтимол, дар навбати аввал ба ғайрияҳудиёни имондор равона карда шуда буд, зеро ки ин гуноҳи доимии онҳо буд (ва ҳаст).
3. Истеъмоли гӯшти ба бутҳо қурбонишуда, гӯшти ҳайвоноти хафашуда ва хун манъ карда шуда буд, вале на барои он ки он шарти зарурии наҷот буд, балки барои

сабуктар кардани муносибатҳои байни масеҳиёни яҳудинажод ва масеҳиёни ғайрияҳудӣ. Баъзе аз ин нишондодҳо баъдтар аз нав дида баромада шуданд (ниг. 1Қур. 8-10; 1Тим. 4,4.5).

Дар натиҷаи хизмати ин одамон *ҷамоатҳо дар имони* масеҳӣ *устувор мешуданд ва ҳар рӯз* миқдоран *меафзуданд*.

**16,6-8** Ин оятҳо фавқулода муҳиманд, зеро ба фаъолияти миссионерии расулон назорат кардан ва ба он роҳбарӣ намудани *Рӯҳулқудсро* нишон медиҳанд. Дубора ба ҷамоатҳои *ФРИҶИЯ* ва *ҒАЛОТИЯ* рафта, онҳо мехостанд ба *Осиё,* вилоят дар ғарби Осиёи Хурд, раванд. Вале *Рӯҳулқудс* ба онҳо роҳ надод, ки ин корро кунанд. Ба мо гуфта нашудааст, ки чаро; баъзеҳо тахмин мекунанд, ки мувофиқи хости Худо, ин вилоят ба Петрус пешакӣ таъйин карда шуда буд (ниг. 1Пет. 1,1). Ба ҳар ҳол, онҳо ба шимолу ғарб, ба *МИСИЯ* равон шуданд. Он як қисми вилояти *Осиё* буд, вале зоҳиран, онҳо дар он ҷо мавъиза накарданд. Ҳангоме ки онҳо аз он ҷо қад-қади соҳили баҳри Сиёҳ ба шимолу шарқ *ба Битуния* рафтанӣ шуданд, *Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод*. Ба ҳамин тариқ, онҳо ба ғарб, ба шаҳри наздисоҳилии *ТРӮОС* равона шуданд. Акнун танҳо баҳри Эгей онҳоро аз Юнон, остонаи Аврупо ҷудо мекард.

Райрӣ менависад:

*Осиё ба Хушхабар эҳтиёҷ дошт, вале ҳоло вақти он наомада буд. Як худи эҳтиёҷ барои даъват кардани расулон ба он ҷо кам буд. Онҳо фақат ҳозир аз шарқ омада буданд, барои онҳо ҳам ҷануб ва ҳам шимол баста буд, вале онҳо аз ин хулосае набаровfarданд, ки Худованд онҳоро ба ғарб равона карда истодааст, – онҳо изҳори бевоситаи хости Ӯро интизор буданд. Барои фаҳмидани даъвати Худо мантиқ кифоя нест.*[58]

**16,9** Павлус шабона *дар рӯъё шахси мақдуниро* дид, ки аз ӯ илтимос мекард, *омада ба* онҳо *ёрӣ расонад*. Қисми шимолии Юнон, ки дар ғарби Трӯос ҷойгир аст, *МАҚДУНИЯ* номида мешуд. *Мақдуния* (ва ҳамаи Аврупо) фаҳмида ё нафаҳмида, ба Хушхабар дар бораи файзи раҳокунанда эҳтиёҷ дошт. Худованд дарҳои Осиёро баст, то ки мулозимони Ӯ Хушхабарро ба Аврупо биёранд.

Стокер ин манзараро чунин тасвир менамояд:

*[Мақдунӣ] Аврупоро таҷассум мекард, илтимоси ӯ оид ба мадад бошад – эҳтиёҷи Аврупоро ба Масеҳ. Павлус дар ин рӯъё фармоиши Худоро пай бурд ва аллакай дар рӯзи дигар офтоби ғурубкунанда дар болои Геллеспонт дар шуоъҳои тиллоии он оббозӣ карда, қомати расулро, ки дар саҳни киштӣ нишаста ба соҳилҳои Мақдуния равона буд, мунаввар гардонд.*[59]

**16,10** Дар ин оят ивазшавии қатъии ҷонишини *ӯ* ба *мо* рӯй медиҳад. Аксаран чунин меҳисобанд, ки дар ҳамин вақт ба Павлус, Сило ва Тимотиюс Луқои китоби Аъмолро навишта ҳамроҳ шуд. Аз ҳамин лаҳза сар карда ӯ дар бораи ҳодисаҳо чун шоҳид нақл мекунад.

---

## РОҲНАМОИИ ИЛОҲӢ

Барои он ки дар замин самаранок амал кунад, Калисои расулони аввалин ба роҳнамоии Сардори осмонии худ эҳтиёҷ дошт. Вале Худованд Исо иродаи Худро ба мулозимон чӣ тавр зоҳир мекард?

*Дастурҳои умумии* аз ҳама бештарро Ӯ пеш аз боло шудан ба онҳо боқӣ гузошта, гуфта буд: «... ва дар Уршалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд» (Аъм. 1,8).

Баъд аз боло шудан Ӯ хости Худро ба онҳо бо роҳҳои гуногун зоҳир мекард.

Петрус ва дигар шогирдон дар вақти интихоби расул ба ҷои Яҳудо *порчаҳо аз Аҳди Қадимро* ба сифати дастур қабул карданд (Заб. 68,26; Аъм. 1,15-26).

Ба ҳар ҳол, дар панҷ ҳодиса Худованд одамонро ба воситаи *рӯъё* роҳнамоӣ мекард: Ҳанониёро (9,10-16); Корнилюсро (10,3); Петрусро (10,10.11.17); ду маротиба Павлусро (16,9.10; 18,9).

Ӯ ба воситаи *пайғамбарон* ду маротиба дастур дода буд (11,27-30; 21,10-12).

Масеҳиён дар дигар ҳолатҳо мувофиқи *вазъият* амал мекарданд. Масалан, онҳо дар натиҷаи таъқибот паҳну парешон шуда буданд, ё ин ки ронда шуда буданд (8,1-4; 11,19; 13,50.51; 14,5.6). Ҳукуматдорони шаҳр аз Павлус ва Сило хоҳиш карданд, ки аз Филиппӣ баромада раванд (16,39.40). Дертар Павлусро

ҳукуматдорон аз Уршалим ба Қайсария оварданд (23,33). Доварии қайсарро талаб кардани Павлус боиси сафари ӯ ба Рум гардид (25,11), шикасти киштӣ бошад, ки дертар рӯй дода буд, ба замон ва пайдарҳамии ҷойивазкуниҳои баъдина таъсири худро гузошт (27,41; 28,1).

Баъзан Худованд иродаи Худро ба воситаи *маслиҳат ва ташаббуси масеҳиёни дигар* зоҳир мекард: Барнабборо ба Антокия ҷамоати Уршалим фиристод (11,22). Оғобус қаҳтиро пешгӯӣ кард ва ин ҷамоати Антокияро ба фиристодани ёрӣ ба масеҳиёни Яҳудо водор кард (11,27-30). Ҷамоати Антокия Павлус ва Барнабборо ба Уршалим фиристод (15,2). Яҳудо ва Сило аз тарафи ҷамоати Уршалим бо Барнаббо ва Павлус фиристода шуда буданд (15,25-27). Павлус ва Сило, ба сафари дуюми миссионерӣ баромада, аз тарафи бародарон ба файзи Худо супурда шуданд (15,40). Павлус ҳангоми аз Лустра рафтанаш бо худ Тимотиюсро гирифт (16,3). Аз Павлус хавотир шуда, бародарон аз Тасолуникӣ Павлус ва Силоро ба Бирия фиристоданд (17,10). Бародарон аз Бирия, дар навбати худ, бо ҳамон андешаҳо Павлусро фиристоданд (17,14.15). Дар охир, Павлус Тимотиюс ва Арастусро ба Мақдуния фиристод (19,22).

Ба ғайр аз ин, дар баъзе ҳолатҳо хости Худо ба одамон *бевосита* хабар дода мешуд. Фариштаи Худованд Филиппусро ба назди хоҷасарои ҳабашӣ равона кард (8,26). Рӯҳулқудс дар Антокия, ҳангоме ки онҳо дар рӯза ва дуо буданд, бо пайғамбарон ва муаллимон гап зад (13,1.2). Рӯҳулқудс ба Павлус ва Тимотиюс дар Осиё мавъиза кардан нагузошт (16,6). Баъдтар онҳо ба Битуния рафтанӣ шуданд, лекин Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод, ки ба он ҷо раванд (16,7).

Ба ҳамин тариқ, дар ибтидои масеҳият Худо хости Худро ба имондорон чунин зоҳир мекард:

1. ба воситаи Навишта;
2. ба воситаи рӯъё ва пешгӯӣ;
3. ба воситаи вазъият;
4. ба воситаи маслиҳат ва ташаббуси дигар масеҳиён;
5. дар алоқаи бевосита, эҳтимол, дарунӣ ва хеле шахсӣ.

---

**16,11-12** Намояндагони монданашавандаи Масеҳ *аз Трӯос* ба шимолу ғарб *равона шуда,* ба як шаб дар соҳили ҷазираи *СОМӮТРОКӢ* қарор гирифтанд. *Рӯзи дигар* онҳо ба бандари дар материк ҷойгир будаи *НИЁПУЛИС* расиданд, ки аз *Трӯос* тақрибан 200 км дуртар буд, баъд аз он ба дарунтари материк равона шуданд, якчанд километр то *ФИЛИППӢ рафтанд, ки* шаҳри аввалини вилояти Мақдуния, қасабаи муҳоҷирнишин буд.

**16,13-15** Аз афти кор, дар Филиппӣ куништ набуд, вале Павлус ва ҳамроҳони ӯ шуниданд, ки баъзе аз яҳудиён *рӯзи шанбе аз шаҳр берун, дар соҳили дарё* ҷамъ меомаданд. Ба он ҷо омада, онҳо гурӯҳи *занони* ибодаткунандаро диданд, ки дар байнашон *Лидия ном* зане буд. Ӯ, зоҳиран, ғайрияҳудии ба дини яҳудӣ рӯ оварда буд. Ӯ зодаи *шаҳри Тиётира* дар Лидия, дар ғарби Осиёи Хурд буд, ки ба Филиппӣ кӯчида дар он ҷо *арғувонфурӯшӣ* мекард. *Тиётира* бо рангҳои худ машҳур буд.

Ӯ на танҳо бо майли тамом Хушхабарро гӯш кард, балки *дили ӯ* барои он кушода буд. Ба Худованд Исо имон оварда, *вай ва аҳли хонааш таъмид гирифтанд. Аҳли хонааш,* албатта, аввал имон оварданд ва танҳо баъд *таъмид гирифтанд*. Дар китоби Аъмол гуфта намешавад, ки Лидия шавҳар дошт ё не; эҳтимол, *аҳли хонааш* хизматгорон буданд.

*Лидия* на ба воситаи корҳои некаш наҷот ёфт, балки барои он ки онҳоро ба амал биёрад. Ӯ ҳақиқӣ будани имонашро бо он исбот кард, ки дари хонаашро барои Павлус, Сило, Луқо ва Тимотиюс кушод.

**16,16-18** Боре, ҳангоме ки *Павлус* ва ҳамроҳонаш ба *ибодатгоҳ* мерафтанд, онҳо бо *канизе* вохӯрданд, ки *рӯҳи ғайбгӯӣ дошт.* Ӯ бо рӯҳи нопок метавонист ояндаро пешгӯӣ кунад, кушоишҳои ҳайратангез намояд. Бо ҳамин роҳ *ӯ ба хоҷагони худ даромади* калоне *меовард.*

Баъд аз *вохӯрдан* бо миссионерони масеҳӣ ӯ *чандин рӯз* аз қафои онҳо гашта фарёд мезад: *«Ин одамон бандагони Худои Таолоянд ва роҳи наҷотро ба мо хабар медиҳанд».* Он чизе ки ӯ мегуфт, *ҳақиқат* буд, вале *Павлус* нағз медонист, ки ин шаҳодат аз рӯҳи нопок буд ва онро қабул кардан намехост. Ҳамчунин ҳоли табоҳи духтар – каниз ӯро ғамгин месохт. Бинобар ин *ба номи Исои Масеҳи* Тавоно ӯ ба рӯҳ фармуд, ки *аз вай берун барояд.* Дарҳол

пас аз ин суханҳо духтар аз ин ғуломии даҳшатангез халос шуд ва одами рӯҳан сиҳат, боақл гашт.

---

### МУЪҶИЗАҲО

Дар тамоми тули матни китоби Аъмол муъҷизаҳо ба назар мерасанд. Мана баъзе аз онҳо, машҳуртаринашон:

- Атои муъҷизаосои забонҳо (2,4; 10,46; 19,6).
- Шифои ланг дар назди дари парастишгоҳ (3,7).
- Ҷазои сазоворе ки Ҳанониё ва Сафира гирифтанд (5,5.10).
- Халос шудани расулон аз зиндон (5,19).
- Вохӯрдани Шоул бо Исои ҷалолёфта (9,3-6).
- Шифои Аниёс аз тарафи Петрус (9,34).
- Зиндашавии Тобито (9,40).
- Петрус рӯъёи дастархони аз осмон фаромадаистодаро дид (10,11).
- Аз зиндон халос шудани Петрус (12,7-10).
- Фаришта Ҳиродусро мезанад (12,23).
- Бо нобиноӣ ҷазо дода шудани Алимои ҷодугар (13,11).
- Ланги лустрагиро шифо додани Павлус (14,10).
- Шифои муъҷизаноки Павлус пас аз он ки ӯро дар Лустра сангсор карданд (14,19. 20).
- Рӯъёи Павлус, ки дар он марди мақдунӣ дар бораи мадад расонидан илтимос мекунад (16,9).
- Рӯҳи нопокро аз духтарак дар Филиппӣ рондани Павлус (16,18).
- Аз зиндони Филиппӣ халос шудани Павлус ва Сило (16,26).
- Эфтихусро зинда кардани Павлус (20,10. 11).
- Пешгӯии Оғобус (21,10.11).
- Аз мор халосӣ ёфтани Павлус дар Малит (28,3-6).
- Шифои падари Публиюс аз табларза (28,8).
- Шифо ёфтани дигар одамон аз бемориӣ (28,9).

Ба ғайр аз ин, дар китоби Аъмол гуфта мешавад, ки расулон муъҷиза ва аломатҳо ба вуҷуд меоварданд (2,43); Истефанус дар байни мардум муъҷизаҳо ва аломатҳои бузург ба амал меовард (6,8); Филиппус муъҷиза ва аломатҳо ба вуҷуд меоварад (8,6.13); Барнаббо ва Павлус муъҷиза ва аломатҳо ба амал меоварданд (15,12); Худо бо дасти Павлус муъҷиза ба амал меоварад (19,11).

Дар вақти хондани китоби Аъмол саволи комилан табиӣ ба вуҷуд меояд: «Оё рӯй додани муъҷизаҳои ба ҳамин монандро ҳозир умедвор шудан мумкин аст?» Ба ин савол ҷавоб дода, аз ду ифрот худдорӣ кардан зарур аст. Яке аз онҳо – изҳори он ақидаест, ки азбаски Исои Масеҳ ивазнашаванда буд, ҳаст ва хоҳад буд, мо бояд шоҳиди ҳамин гуна муъҷизаҳое шавем, ки дар ибтидои масеҳият ба амал меомаданд.

Нуқтаи назари тамоман муқобил аз он иборат аст, ки муъҷизаҳо танҳо дар асрҳои аввали масеҳият ба амал меомаданд ва мо ҳозир ҳақ надорем ба амал омадани онҳоро умедвор шавем.

Ҳақиқат он аст, ки Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва ҷовидона айни Ҳамон аст (Ибр. 13,8). Вале ин онро ифода намекунад, ки тариқи амали Худо иваз нашуда мемонад. Масалан, балоҳое ки Худо Мисрро гирифтори онҳо кард, ҳеҷ гоҳ такрор нашуданд. Ва Ӯ ҳамон тарз пурқудрат аст. Ӯ ба монанди аввала метавонад ҳар гуна муъҷиза ба амал орад. Вале ин онро ифода намекунад, ки дар тули асрҳои зиёд Ӯ худи ҳамон як муъҷизаҳоро *бояд* ба амал орад. Ӯ Худои гуногуншаклии беохир аст.

Аз тарафи дигар, мо набояд муъҷизаҳоро чун як чизи ба давраи Ҷамоат хос набуда гирифта партоем. Муъҷизотро бо марҳилаҳои кӯтоҳ дар нақшаи Худо маҳдуд кардан ва бо зиндагонии ҳеҷ гоҳ аз ҳаёти рӯзмарра боло намешуда қаноат намудан бисёр одӣ мебуд.

Ҳаёти мо аз қувваи фавқулода бояд пур шавад. Мо бояд ҳамеша дар шароити ҳайратангез дасти Худоро бинем. Мо бояд дар таҷриба роҳнамоии даркнашаванда, ҳайратангези Ӯро дар ҳамаи роҳҳо аз сар гузаронем. Ба мо лозим аст ҳодисаҳои берун аз ҳудуди эҳтимолро аз сар гузаронем. Мо бояд дарк намоем, ки Худо ба мо вохӯриҳо ташкил менамояд, дарҳоро мекушояд, зиддиятҳоро барҳам мезанад. Хизмати мо бояд то охир пур аз ҳодисаҳои фавқулода бошад.

Ба мо лозим аст бинем, ки Худо чӣ гуна ба дуои мо ҷавоб медиҳад. Ҳангоме ки ҳаёти мо бо ҳаёти одамони дигар пайваст мешавад, мо

дар ҳодисаҳои содиршуда хости Худоро бояд пай барем. Мо дар шикастҳо, дар таъхирҳо, дар бадбахтиҳо, дар талафот ва дар ҳодисаҳои ба фоҷиа монанд бояд дасти Ӯро бинем. Мо бояд ёрии муъҷизанокро аз сар гузаронем ва дар бораи қувва, мардонагӣ, осоиш ва хираде фаҳмем, ки берун аз имконятҳои табиии мо мебошанд.

Агар зиндагонии мо танҳо дар сатҳи муқаррарӣ гузарад, пас мо аз одамони беимон чӣ тавр фарқ мекунем? Мувофиқи хости Худо, зиндагонии мо бояд фавқулода бошад, ба воситаи мо бояд зиндагонии Исои Масеҳ ифода карда шавад. Ҳангоме ки ин рӯй медиҳад, ғайриимкон имконпазир мегардад, дарҳои пӯшида кушода мешаванд ва мо қувваро эҳсос мекунем. Дар он вақт мо пур аз Рӯҳулқудс мегардем ва одамони дар наздамон буда дар мо дурахши Ӯро мебинанд.

---

**16,19-24** Ба ҷои миннатдор шудан, ки ин зани ҷавон аз рӯҳи нопок озод шудааст, *хоҷагони ӯ* оташин шуданд, зеро ки дар натиҷа *даромадашонро* гум карданд. Бинобар ҳамин *онҳо Павлус ва Силоро* ба назди *сардорон* (преторҳо) *кашида бурданд* ва ба муқобили онҳо айбномаи қалбакӣ пешниҳод карданд. Асосан айбномаҳо чунин маъно доштанд, ки ин *яҳудиёни* шӯрандоз тартибу интизоми барқароркардаи румиҳоро вайрон кардан мехоҳанд. Мардум низ бар онҳо қиём карданд ва *волиён либосҳои* Павлус ва Силоро *канда партофта, фармуданд, ки калтаккорӣ кунанд.* Пас аз он расулони бераҳмона задашударо ба зиндон андохта, ба *зиндонбон* амр фармуданд, ки *онҳоро бо диққат нигаҳбонӣ кунад.* Ӯ фармонро иҷро карда, онҳоро *дар зиндони дохилӣ* маҳбус кард ва *ба пойҳояшон кунда зад.*

Дар ин порча ду тарзи асосӣ, ки шайтон истифода мебарад, нишон дода шудааст. Дар аввал ӯ муҳаббати бардурӯғро ба кор андохт – шаҳодати духтаре ки рӯҳи нопок дошт. Вақте ки ин кӯшиш барор наёфт, ӯ таъқиботи ошкоро ба кор бурд. Грант мегӯяд: «Иттифоқ ё таъқибот – чунин ду имкон ҳаст: дӯстии бардурӯғ ё ҷанги ошкоро».

А. Ҷ. Поллок шарҳ медиҳад:

*Эҳтимол, шайтон хеле шодмонӣ мекард, ки ба хизмати ин қосидони содиқи Худо хотима бахшид. Чунон ки одатан мешавад, ӯ хеле барвақт хурсандӣ мекард. Дар ин ҳолат ҳамааш бо шикасти пурраи ӯ ва пешрафти баъдинаи кори Худованд ба охир расид.*[60]

**16,25** Дар қарибии *нисфи шаб Павлус ва Сило дуо гуфта, Худоро ситоиш мекарданд.* Хурсандии онҳо ба шароити беруна тамоман вобаста набуд. Оне ки онҳоро илҳом мебахшид, дар осмони баланд буд.

Морган эътироф мекунад:

*Ҳар кадом одам ба сурудан сар мекунад, вақте ки дари зиндон кушода мешавад ва ӯ озод мешавад. Рӯҳи масеҳӣ бошад дар зиндон ҳам месарояд. Метарсам, ки агар дар ҷои Сило ман мебудам, ба Павлус якка хондан лозим меомад; бо вуҷуди ин ман шуҳрат ва бузургии Рӯҳро мебинам, ки аз ҳар гуна мушкилиҳо ва маҳдудиятҳо болотар аст.*[61]

**16,26** Зиндониёни дигар дуо ва ҳамду санои онҳоро, ки Худоро таърифу тавсиф мекарданд, мешуниданд. Баногоҳ зиндон аз *заминҷунбии* фавқулода ҷунбид. Он *ҳамаи дарҳоро кушод,* кундаву *занҷирҳоро* суст кард, вале биноро вайрон накард.

**16,27-28** Вақте ки зиндонбон бедор шуд ва *дарҳои ҳабсхонаро кушода* дид, ӯ гумон кард, ки *зиндониён* гурехтаанд. Барои ин бо ҳаёташ ҷавоб доданашро фаҳмида, ӯ *шамшерро бароварда* мехост худро кушад. Вале *Павлус* ӯро бовар кунонид, ки ӯ набояд худро кушад, зеро *ҳамаи* зиндониёне ки ӯ барои онҳо ҷавобгар буд, дар ҷояшон буданд.

**16,29-30** Акнун зиндонбонро ҳиссиёти наве фаро гирифт. Тарси гум кардани кор ва эҳтимол, ҳаёт бо эҳсоси чуқури гунаҳкории худ иваз шуд. Гуноҳҳо безобита мекарданд ва акнун ӯ метарсид ба Худо муроҷиат кунад. Ӯ дод зад: *«Эй хоҷагон! Чӣ бояд кунам, то наҷот ёбам?»*

Ин савол бояд пеш аз ҳар як имон овардани ҳақиқӣ дода шавад. Пеш аз он ки *наҷот* ёбад, одам бояд донад, ки ӯ ба ҳалокат маҳкум шудааст. То замоне ки ӯ аввал самимона нагӯяд: «Ман дар ҳақиқат сазовори ҳукми абадии дӯзах мебошам», дар бораи чӣ гуна наҷот ёфтан сухан рондани шахс барвақт аст.

**16,31** Танҳо ба ҳамон касоне ки гуноҳи худро эҳсос кардаанд ва худро гунаҳкор меҳисобанд, дар Аҳди Нав ба Исои Масеҳи Худованд имон овардан пешниҳод карда мешавад. Акнун, вақте ки зиндонбон аз эҳсоси

гунаҳкории худ андӯҳгин буд, ӯ шунид: *«Ба Исои Масеҳи Худованд имон овар ва ту бо аҳли хонаи худ наҷот меёбӣ».*

Ин онро ифода намекунад, ки агар *ӯ* ба Исо имон оварад, пас аҳли хонаи ӯ автоматӣ наҷот меёбанд. Ин ибора онро ифода мекунад, ки агар ӯ *ба Исои Масеҳи Худованд* имон оварад, пас ӯ *наҷот меёбад* ва бо ҳамин тариқ аҳли хонаи ӯ низ *наҷот меёбанд:* «Имон овар ... ва наҷот меёбӣ ва бигзор аҳли хонаат низ чунин кунанд».

Чунин таассурот ба вуҷуд меояд, ки имрӯз аксарияти одамон чӣ будани имон оварданро тасаввур карда наметавонанд. Вале вақте гунаҳкор эҳсос мекунад, ки ӯ ҳалок шудааст ва ба ӯ аз ҳеҷ куҷо ёрӣ намерасад, ҳангоме ӯ дар ноумедӣ мефаҳмад, ки ба азобҳои дӯзах маҳкум шудааст, он гоҳ, ба Масеҳ чун Худованд ва Наҷотдиҳанда имон оварданро шунида, ӯ аниқ медонад, ки ин чиро ифода мекунад. Ин ягона корест, ки ӯ ҳоло *метавонад* кунад.

**16,32-34** Пас аз он ки Павлус ва Сило ба оилаи зиндонбон мавъиза намуданд, ӯ захмҳояшонро шуста ва фавран *таъмид гирифта,* ҳаққонияти имон оварданашро намоиш дод. *Онҳоро ба хонаи худ оварда,* дар пешашон хӯрок монд ва *бо тамоми аҳли хонаи худ* шод шуд, ки ҳамаашон ба Худованд имон оварданд.

Ва боз мехостем инро зикр намоем: ҳеҷ гуна асосе нест чунин ҳисобем, ки бо тамоми аҳли байт навзодон ё кӯдакони хеле хурд таъмид гирифтанд. Ҳамаи онҳое ки таъмид гирифтанд, барои *имон овардан ба Худо* ба қадри кофӣ болиғ буданд.

**16,35** Эҳтимол, шабона табъи *волиён* тағйир ёфт, зеро ки субҳ онҳо *навкаронро* (ликторҳоро) барои озод кардани ҳар ду маҳбус *фиристоданд.*

**16,36-37** Ҳангоме ки зиндонбон ин хабари хушро ба *Павлус* расонид, расул ҳамин тариқ рафтан нахост. Охир, ӯ ва Сило, ҳарчанд яҳудизода бошанд ҳам, шаҳрвандони Рум буданд. Онҳоро ноҳақ ҳукм карданд ва заданд. Акнун волиён фикр мекунанд, ки онҳо пинҳонӣ шаҳрро тарк мекунанд, гӯё ки дар ҳақиқат ягон гуноҳ доштанд ва худро шармсор карданд? *Не. Бигзор* худи сардорон *омада,* маҳбусонро озод намоянд.

**16,38-40** *Ва волиён* дар ҳақиқат омаданд ва *аз онҳо узр хостанд.* Онҳо аз Павлус ва Сило хоҳиш карданд, ки барои ба амал наомадани бетартибиҳо дар оянда, *аз шаҳр раванд.* Бо ҳашамати сазовори писарони Подшоҳ хизматгузорони Худованд *аз зиндон* баромаданд, вале шаҳрро фавран тарк накарданд. Аввал онҳо *ба хонаи Лидия* рафтанд, *бародаронро* ором карда, *онҳоро насиҳат карданд.* Аҷабо! Онҳое ки гӯё худашон ба тасаллӣ муҳтоҷ буданд, дигаронро дилбардорӣ мекарданд.

Ҳангоме ки вазифаи онҳо дар Филиппӣ ба охир расид, онҳо ғалабаи комил ба даст оварда, *раҳсипор гардиданд.*

**17,1** Филиппиро тарк карда Павлус ва Сило тахминан панҷоҳу се километр ба ҷанубу ғарб то *АМФИПӮЛИС* рафтанд. Истгоҳи баъдинаи онҳо боз чилу ҳашт километр ҷанубу ғарбтар дар *АПОЛЛОНИЯ* буд. Аз он ҷо онҳо ба ғарб равона шуданд ва тахминан шаст километр роҳ гашта ба *ТАСОЛУНИКӢ* расиданд. Ин шаҳр аҳамияти муҳими стратегӣ дошт, зеро ки дар чорроҳаи тиҷоратӣ ҷойгир буд. Рӯҳулқудс ин шаҳрро чун маркази интишори Хушхабар ба ҳамаи тарафҳо интихоб намуда буд. Дар рӯзҳои мо ин шаҳр чун Салоникӣ машҳур аст.

Вақте ки Павлус ва Сило барои ба даст овардани заминҳои нав барои Худованд Филиппиро тарк намуданд, Луқо, эҳтимол, дар он ҷо монд. Ба ин ивазшавии навбатӣ дар қисса ишорат мекунад: шахси якуми шумораи ҷамъ (мо) бо шахси сеюм *(онҳо)* иваз мешавад.

**17,2-3** *Аз рӯи одати худ,* миссионерон куништи яҳудиёнро ёфтанд ва дар он ҷо Хушхабарро мавъиза намуданд. *Се рӯзи шанбе*[62] Павлус аз Аҳди Қадим *ошкор мекард* ва бо исрор *исбот мекард, ки* мувофиқи пешгӯӣ *даркор буд Масеҳ азоб кашад ва аз мурдагон бархезад.* Инро дар асоси *Навишта* исбот карда, Павлус фикри худро давом дода эълон намуд, ки ҳамин *Исои* Носирӣ Масеҳе буд, ки кайҳо боз интизораш буданд. Магар ӯ азобу уқубат накашид, намурд ва аз мурдагон барнахест? Магар ин исбот намекунад, ки Ӯ *Масеҳи* Худо буд?

**17,4-7** *Баъзе* аз яҳудиён *имон оварданд* ва чун масеҳиён *ба Павлус ва Сило ҳамроҳ шуданд.* Ҳамчунин бисёре аз юнониҳои худотарс *ва шумораи зиёде аз занони ашрофи* шаҳр имон оварданд. Ин чиз *яҳудиёни* беимонро ба амалиёти қатъӣ водор кард. Онҳо чанд нафар

нобакоронро аз *майдони* бозор гирифта, издиҳоме ҷамъ карданд ва шаҳрро ба шӯр оварданд ва ба *хонаи Ёсун,* ки дар он ҷо *Павлус ва Сило* қарор доштанд, тохтанд. Павлус ва Силоро дар хона *наёфта,* онҳо *Ёсун ва баъзеи* дигар масеҳиёнро *ба назди сардорони шаҳр* («политарх»-ҳо) кашиданд. Худашон онро нахоста онҳо Павлус ва Силоро *ба ошӯб оварандагони тамоми ҷаҳон* номида, ба қадри онҳо расиданд. Баъд онҳоро дар кӯшиши барҳам задани ҳокимияти *қайсар* бо таблиғи *подшоҳи дигар – Исо* айбдор карданд. Мулоим карда гӯем, барои *яҳудиён* чунин боэҳтимом тарафдори ҳокимияти *қайсар* будан аҷоиб буд, зеро ки одатан онҳо империяи Рум он қадар дӯст намедоштанд.

Вале оё айбномаи онҳо ҳақиқӣ буд? Бешубҳа, онҳо шунида буданд, ки чӣ хел Павлус дар бораи омадани дуюми Исо хабар медод, вақте ки Ӯ барои дар тамоми дунё подшоҳӣ кардан меояд. Вале ин барои қайсар бевосита таҳдид намекард, зеро ки Масеҳ танҳо ҳамон вақт барои ҳукмронӣ кардан бармегардад, ки ҳамаи халқи Исроил тавба кунад.

**17,8-9** Ин хабар сардорони шаҳрро *ба ташвиш* андохт. Онҳо аз *Ёсун* ва дигарон, ки бо онҳо буданд, барои меҳмононашон кафолат доданро талаб карданд, эҳтимол, ҳамчунин дархост карда бошанд, ки онҳо шаҳрро тарк кунанд. Пас аз он *онҳоро сар доданд.*

**17,10-12** *Бародарон аз* Тасолуникӣ қарор доданд, ки аз шаҳр рафтани миссионерон беҳтар аст, бинобар ин онҳо *шабона* онҳоро *ба БИРИЯ равона карданд,* ки дар он ҷо муждабарони саркаш ва нотарс дарҳол ба *куништи яҳудиён даромада,* дар он ҷо Хушхабарро мавъиза карданд. Яҳудиёни маҳаллӣ *Навиштаи* Аҳди Қадимро бо диққат омӯхта, санҷида ва муқоиса намуда, холис будани худро нишон доданд. Хиради онҳо барои омӯзиш кушода буд, вале онҳо доимо он чиро, ки ба онҳо меомӯзониданд, бо *Навиштаи Муқаддас* муқоиса мекарданд. *Бисёре аз* ин яҳудиён *имон оварданд.* Ҳам аз *занони ашрофи* ғайрияҳудӣ ва ҳам шумораи зиёде *аз мардон* имон оварданд.

**17,13-14** *Вақте* хабари он ки *Павлус* ва Сило хизмати худро дар *Бирия* давом дода истодаанд, то ба Тасолуникӣ расид, *яҳудиён аз Тасолуникӣ* махсус *ба Бирия* омада, *мардумро* ба муқобили расулон *ба шӯр овардаву* барангехтанд. Бинобар ин *бародарон Павлусро* ҳамроҳи якчанд масеҳиён сӯи баҳр *равона карданд.* Эҳтимол, онҳо то ДИУМ расида ба ПИРЕЙ шаҳри бандарии назди *АТИНО,* раҳсипор гардиданд. *Сило ва Тимотиюс* дар Бирия *монданд.*

**17,15** Роҳ аз Бирия то *Атино* хеле дур буд ва хоҳиши бо *Павлус* дар тули тамоми роҳ ҳамроҳӣ кардани баъзе бародарон дар бораи садоқати ҳақиқӣ ва муҳаббати масеҳиёни бириягӣ шаҳодат медод. Ҳангоме ки *дар Атино* вақти *Павлусро* тарк кардани онҳо расид, ӯ ба воситаи онҳо ба *Сило ва Тимотиюс фармони* ҳар чи *зудтар* ба ӯ ҳамроҳ шуданро фиристод.

**17,16** *Онҳоро дар Атино* интизор шуда, Павлус аз бутпарастие ки *дар ин шаҳр* ҳукмрон буд, хеле музтариб шуд. Ҳарчанд *Атино* маркази маданият, илму маърифат ва саноеи нафиса буд, диққати *Павлусро* ин чизҳо ҷалб намекард. Ӯ вақти худро ба муоинаи ҷойҳои тамошобоб сарф намекард.

Арнот шарҳ медиҳад:

*Гап дар он нест, ки ӯ ҳайкалҳои мармариро қадр намекард, балки дар он аст, ки ӯ одамони зиндаро баландтар қадр мекард. Ҳамон одаме ки ҷонҳои ҷовидониро аз саноеи нафиса дида бештар муҳим меҳисобад, заиф нест, балки тавоност ... Павлус бутпарастиро на зебо ва безарар, балки хеле ғамангез меҳисобид.*[63]

**17,17-18** *Ӯ дар куништ бо яҳудиён ва худотарсон* гуфтугӯ мекард ва инчунин дар *майдон* ба ҳамаи онҳое ки ӯро гӯш кардан мехостанд, мавъиза мекард. Ба ҳамин тариқ ӯ бо баъзе *файласуфони эпикурӣ ва истоӣ* вохӯрд. Пайравони файласуф Эпикур эпикуриён номида мешуданд. Эпикур таълим медод, ки мақсади олии ҳаёт дар ҳузуру ҳаловат аст, на дар шавқу рағбат ба дониш. Пантеистони истоӣ бошанд хирадро аз он иборат медонистанд, ки аз эҳсосоти тавоно озод шаванд, ва ба шодию ғам бефарқ монда, сархамона ба қонунҳои табиат итоат кунанд. Ҳангоме ки намояндагони ин ду мактаби файласуфон Павлусро шуниданд, онҳо ӯро *беҳудагӯй* ва мавъизагари *худоҳои бегона* ҳисобиданд, *зеро ӯ ба онҳо аз Исо ва растохез башорат медод.*

**17,19-21** *Ӯро дастгир карда, ба Арюпогус,* ки органи ҳуқуқии ба монанди додгоҳ буда, дар теппаи Марс ҷамъ меомад, *оварданд.* Дар ин маврид ба маънии аслии ин калима доварӣ набуд, танҳо шунидан буд, ки ба Павлус имконият медод таълимоти худро дар назди

доварон ва мардум баён намояд. Ин дар ояти 21 як андоза шарҳ дода шудааст. *Аҳли Атино* дар майдонҳои шаҳр ҷамъ шуданро хеле дӯст медоштанд, то ин ки худашон гӯянд ва ба дигарон гӯш диҳанд. Аз афти кор, барои ин онҳо вақти номаҳдуд доштанд.

**17,22** *Дар миёнаҷои* доварон истода *Павлус* мавъизаи машҳури «Мавъиза дар Арюпогус»-ро эрод намуд. Онро омӯхта, дар хотир доштан зарур аст, ки дар он ӯ на ба яҳудиён, балки ба ғайрияҳудиён муроҷиат мекард. Онҳо бо Аҳди Қадим шинос набуданд, бинобар ин дар аввал ба ӯ лозим буд мавзуеро ёбад, ки шунавандагони ӯро ба шавқ орад. Ӯ баромадашро бо он сар кард, ки аҳли Атино ниҳоятдараҷа *диндор ҳастанд.* Ва дар ҳақиқат, Атино шаҳри хеле динӣ буд, ки ба ин он далеле шаҳодат медиҳад, ки мувофиқи афкори умум, дар он аз одамон дида бутҳо зиёдтар буданд.

**17,23** Дар байни бутҳое ки дида буд, Павлус *қурбонгоҳеро* ба хотир овард, ки *дар он навишта шудааст:* «БА ХУДОИ НОШИНОС» Ин Навишта нуқтаи асосии мавъизаи ӯ гардид. Расул дар он эътирофи ду ҳақиқати муҳимро дид. Якум, ҳақиқати вуҷуд доштани *Худо,* дуюм ин ки Ӯ ба аҳли Атино ношинос буд. Баъд аз он *Павлус* метавонист комилан табиӣ ба нақл дар бораи *Худои* ҳақиқӣ гузарад. Чӣ тавре ки касе гуфтааст, ӯ ҷараёни гумроҳонаи диндории онҳоро ба маҷрои дуруст равона кард.

**17,24-25** Миссионерон ибroз менамоянд, ки дар вақти ба ғайрияҳудиён таълим додан, хуб мешуд, ки мавъизаро дар бораи Худо аз нақл дар бораи офариниш сар кунанд. Павлус мавъизаи худро ба аҳли Атино маҳз ҳамин тавр сар кард. Ӯ *Худоро* чун Оне ки *олам ва тамоми мавҷудоти онро офаридааст,* тасвир намуд. Диққати шунавандагонро ба парастишгоҳҳои зиёди бутпарастии дар атроф буда ҷалб намуда, расул хотиррасон кард, ки *Худои* ҳақиқӣ *дар ибодатгоҳҳои сохтаи дасти инсон сокин нест* ва ба мадади *дастони одамӣ* эҳтиёҷ надорад. Дар парастишгоҳҳои бутпарастӣ коҳинон аксар ба худоҳои худ хӯрок ва дигар «лавозимоти асосӣ» меоранд, вале Худои ҳақиқӣ ба ҳеҷ як хизмати одамӣ эҳтиёҷ надорад, зеро ки Ӯ Худаш манбаи *ҳаёт, нафас ва ҳар чиз аст.*

**17,26-28а** Баъд аз он Павлус дар бораи пайдоиши насли одамизод истода гузашт. Ҳамаи халқҳо аз нахустпадари ягонаи аввалин – Одам ба вуҷуд омадаанд. Худо на танҳо ба ҳамаи халқҳои гуногун ҳаёт додааст, балки инчунин барои ҳар яки онҳо муҳлатҳо ва ҳудуди муайяне пешакӣ *муқаррар кардааст.* Ӯ ба онҳо марҳамати бешумореро зоҳир кард, то ки онҳо Ӯро *ҷустуҷӯ кунанд.* Ӯ мехост, ки онҳо *Ӯро* эҳсос намоянд ва *Ӯро ёбанд,* ҳарчанд, дар ҳақиқат, Ӯ аз ҳар яки онҳо он қадар *дур нест.* Маҳз бо Худои ҳақиқӣ *мо зиндагӣ мекунем, ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем.* Ӯ на танҳо моро офарид, балки аз ҳама тараф моро иҳота мекунад.

**17,28б** Павлус, барои бори дигар таъкид кардани робитаи дутарафаи офариниш бо Офаридгори худ, *аз баъзе аз шоирони* юнонии худи онҳо иқтибос овард, ки *гуфтаанд: «Мо аз насли Ӯ ҳастем».* Ин суханҳоро чун таълимот дар бораи бародар будани одамон ва падар будани Худо набояд тафсир дод. Мо ба он маъно насли Худо ҳастем, ки Ӯ Моро офарид, вале танҳо ҳамон вақт *писарони* Худо мегардем, ки ба Худованд Исои Масеҳ имон оварем.

**17,29** Павлус мулоҳизаҳои худро давом медиҳад. Агар одамон насли *Худо* бошанд, пас набояд гумон кунем, ки *Ӯ ба тилло, ё нуқра, ё санги* бут *монанд аст.* Бутҳо *аз санъат ва хаёли инсон сурате гирифтаанд* ва бинобар ин аз одамон поёнтар меистанд. Ин бутҳо дар бобате маҳсули зиндагии одамон мебошанд, ҳол он ки ҳақиқат дар он аст, ки худи одамон – офаридаи Худоянд.

**17,30** Павлус тамоми беандешагии бутпарастиро нишон дода, мегӯяд, ки дар давоми чандин асрҳо *Худо нодонии* бутпарастонро сарфи назар мекард. Вале ҳоло, вақте ки ваҳйи Хушхабар ато шудааст, Ӯ *дар ҳар ҷо ба ҳамаи одамон мефармояд, ки тавба кунанд,* яъне ба Ӯ рӯ оваранд.

**17,31** Ин огоҳӣ хеле таъҷилӣ буд, *зеро* Худо *рӯзеро муқаррар намудааст, ки аҳли ҷаҳонро ба воситаи* Худованд Исои Масеҳ, *Марде ки баргузидаи* Ӯст, аз рӯи инсоф доварӣ мекунад. Доварие дар назар дошта шудааст, ки дар вақти ба замин баргаштани Масеҳ рӯй медиҳад, барои сарнагун кардани душманони Худаш ва оғоз намудани Подшоҳии ҳазорсола. Ин бо он далел исбот мегардад, ки Худо Худованд Исоро *аз мурдагон* зинда намуд. Ана ҳамин тавр Павлус онҳоро ба мавзуи писандидаи худ – растохези Исо наздик мебарад.

**17,32-33** Эҳтимол, Павлус нутқи худро ба охир нарасонд. Он бо *масхараи* онҳое ки

худи ғояи *растохези мурдагонро* рад мекарданд, бурида шуд. *Дигарон масхара* намекарданд, вале шубҳа доштанд. Онҳо қарор қабул карданро мавқуф гузошта гуфтанд: *«Дар ин бора дафъаи дигар аз ту шунидан мехоҳем».* Онҳо гумон мекарданд, ки рӯзи қабул кардани Масеҳ рӯзи бадбахтӣ мешавад. Онҳо наметавонистанд гӯянд: «Ҳеҷ гоҳ», балки мегуфтанд: «Ҳозир не».

**17,34** *Вале* ба аҳли Атино муроҷиат кардан бо нобарорӣ ба охир расид гуфта ҳисобидан нодуруст мебуд. Охири охирон *Диёнисиюси арюпогии* довар имон овард. Инчунин *Домарис ном зан ва дигарон,* ки номи онҳо зикр нашудааст, имон оварданд.

*Бо ҳамин, Павлус аз миёни онҳо берун омад.* «Дигар мо дар бораи Атино намешунавем. Павлус ба он ҷое ки ба таъқиб дучор мегардид, бармегашт, вале дар он ҷое ки ба муносибати сабукфикрона ва мағрурона дучор гашт, дигар ҳоҷати сухан гуфтани ӯ набуд».

Баъзеҳо ин мавъизаро танқид мекунанд, ки дар он гӯё аҳли Атино чун диндорон таъриф карда шудаанд, ҳол он ки дар ҳақиқат онҳо бутпарастони ашаддӣ буданд; дар он Павлус тахмин мекунад, ки катибаи (навиштаҷоти рӯи санг) ба худои бутпарастон дахлдошта, эҳтимол, Худои ҳақиқиро ифода мекунад; ва гӯё Павлус ин мавъизаро ба расму русум ва анъанаҳои аҳли Атино аз ҳад зиёд бо ҷидду ҷаҳд мувофиқ мекард ва дар он Хушхабар, бар хилофи он чи дар баъзе мавъизаҳои дигари расул ҳаст, на он қадар возеҳ ва боварибахш баён шудааст. Ин таънаҳо ноҳақанд. Мо аллакай кӯшиш намудем фаҳмонем, ки Павлус дар ибтидо нуқтаи ба ҳам наздикшавиро бо шунавандагон ҷустуҷӯ намуд, пас аз он тадриҷан шунавандагони худро аввал ба маълумот доир ба Худои ҳақиқӣ ва пас аз он ба зарурати тавба кардан алоқамандона бо зуҳури Масеҳ чун Довар наздик меовард. Барои ҳимояи ин мавъизаи Павлус гуфтан басанда аст, ки ба туфайли он баъзе одамон Масеҳро самимона қабул карданд.

---

## МИНБАРҲОИ ҒАЙРИОДӢ

Ҷое ки Павлус мавъиза карда буд, Арюпогус (теппаи Марс) яке аз ҳамин гуна *ҷойҳои ғайриодист,* ки масеҳиёни аввалин Каломи Худоро мавъиза мекарданд.

Онҳо беш аз ҳама дар кӯча, *дар зери осмони соф* мавъиза карданро дӯст медоштанд. Аз рӯи шумораи шунавандагон ва наҷотёфтагон дар рӯзи Пантикост, эҳтимол, расулон дар кӯча мавъиза карда буданд[64] (Аъм. 2,6.41). Дигар ҳолатҳои мавъиза дар берун дар бобҳои 8,5.25.40; 13,44; 14,8-18 зикр шудаанд.

Ҳеҷ набошад дар се ҳолат (3,1-11; 5,21. 42) *ҳавлии парастишгоҳ* ба Хушхабар тақвият медод. Павлус ва ҳамроҳонаш Каломро дар Филиппӣ *назди дарё* мавъиза намуда буданд. Дар ин ҷо, Павлус пеш аз нутқ кардан дар Арюпогус, дар Атино *дар бозорҷой* мавъиза намуд (17,17). Дар Уршалим ӯ ба издиҳоми ба ғазабомада *аз зинаи* қалъаи Антоний (21,40-22,21) муроҷиат кард.

Расулон дар назди *шурои пирони* яҳудиён ҳеҷ набошад чор маротиба Хушхабарро эълон карданд: Петрус ва Юҳанно (4,8. 19); Петрус ва расулони дигар (5,27-32); Истефанус (7,2-53) ва Павлус (22,30-23,10).

Одатан Павлус ва рафиқонаш Хушхабарро *дар куништҳо* мавъиза мекарданд (9,20; 13,5.14; 14,1; 17,1.2.10.17; 18,4.19.26; 19,8).

Чандин маротиба *хонаҳои шахсӣ* истифода мешуданд. Петрус дар хонаи Корнилюс мавъиза намуд (10,22.24). Дар Филиппӣ Павлус ва Сило дар хонаи зиндонбон шаҳодат доданд (16,31.32). Павлус дар Қуринт дар хонаи Криспус, сардори куништ (18,7.8) мавъиза кард. Ӯ дар Трӯос дар хонаи шахсӣ то нисфи шаб мавъиза намуд (20,7). Ӯ дар хонаҳо дар Эфесус (20,20) ва дар хонаи иҷоравии худ дар Рум (28,30.31) мавъиза менамуд.

Филиппус ба хоҷасарои ҳабаш *дар ароба* (8,31-35), Павлус бошад *дар киштӣ* мавъиза кард (27,21-26). Дар Эфесус ӯ ҳар рӯз *дар омӯзишгоҳ* таълим медод (19,9).

Павлус дар *додгоҳ* дар назди Феликс (24,10), Фестус (15,8) ва Агрипос (26,1-29) мавъиза кард.

Дар боби 8,4 мо мехонем, ки масеҳиёни пахну парешоншуда суханро *дар ҳама ҷо* мавъиза мекарданд.

Ба ҳамин тариқ, масеҳиёни аввалин чунин намеҳисобиданд, ки Хушхабар бояд ҳамеша дар ҷойҳои махсус, биноҳои «муқаддас» эълон карда шавад. Дар ҳама ҷое ки одамон буданд, сабаб ва имконияти бо Масеҳ шинос

намудани онҳо буд. Бо ин А. Б. Симпсон розӣ аст:

*Масеҳиёни аввалин ҳар як шароитро чун имконияти шаҳодат дар бораи Масеҳ меҳисобиданд. Ҳатто вақте ки онҳоро ба назди шоҳон ва ҳокимон меоварданд, аз муҳокимаи масъалаҳои баҳснок рӯй гардонида ва аз оқибаташ тарсида, кушоду равшан худро масеҳӣ эълон накардан ҳеҷ гоҳ ба хотирашон ҳам намеомад. Ин барои онҳо як фурсате буд барои расондани Хушхабар ба подшоҳон ва ҳокимон, ки ба таври дигар дастнорас буданд. Эҳтимол, Худо ба мо ҳар як одамро фиристода, имконият медиҳад ба роҳи ӯ дуои хайр диҳем, ба дили ӯ ва ҳаёти ӯ чунон таъсир расонем, ки ӯро ба Худо наздиктар гардонад.*[65]

Худованд Исо ба шогирдон фармудааст: «Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи махлуқот мавъиза кунед» (Марқ. 16,15). Китоби Аъмол нишон медиҳад, ки чӣ гуна онҳо ин фармоишро иҷро мекарданд.

Илова кардан мумкин аст, ки мавъизаҳои дар китоби Аъмол навишташуда аксаран бе тайёрӣ карда шуда буданд. Одатан барои тайёр кардани онҳо вақт набуд. Тайёрӣ як соат не, балки тамоми умрро дар бар мегирифт. На мавъизаҳо, балки мавъизакунандагон тайёр карда мешуданд.

---

**18,1** Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки *Павлус* аз сабаби натиҷаи бениҳоят ками мавъиза *Атиноро тарк кард.* Мо афзал медонем чунин шуморем, ки Рӯҳи Пок ӯро ба ғарб равона кард ва *ба ҚУРИНТУС,* пойтахти ОХОИЯ, овард. Ин шаҳри бо бадахлоқӣ машҳур ба мавъизаи Хушхабар ва ташкили калисо эҳтиёҷ дошт.

**18,2-3** Дар Қуринтус Павлус бо зану шавҳар, ки *Акило ва Прискила* ном доштанд, шинос шуд, ки дӯстӣ бо онҳо тамоми умри ӯ давом дошт. *Акило яҳудӣ* аз Понтус, вилояти шимолӣ шарқии Осиёи Хурд, буд. Ӯ ва зани ӯ дар *Рум* зиндагӣ мекарданд, вале аз он ҷо бо фармони зиддияҳудиёнаи қайсар Клавдиюс ронда шуданд. Азбаски Қуринтус дар роҳи асосии аз *Рум* ба шарқ мерафта ҷойгир буд, онҳо дар ин ҷо монда корхонаи *хаймадӯзӣ* кушоданд. Павлус низ ҳунари хаймадӯзӣ дошт, ба туфайли ин ӯ бо онҳо шинос шуд.

*Ваҳйҳои зеботарин дар зиндагонӣ ба мо ҳангоме марҳамат карда мешаванд, ки бо кори ҳаррӯза машғулем. Нони ҳаррӯзаатро бо арақи ҷабин ба даст овар ва дар байни меҳнати вазнин ту баракат мегирӣ ва ваҳйи тасаллобахшро мебинӣ ... Устохона, идора ё дӯконе ки дар он ҷо кор мекунӣ, ба хонаи Худо монанд шуда метавонанд. Дар соҳаи худ меҳнат кун ва бо ҷидду ҷаҳд кор кун: дар ҳамин меҳнат ту метавонӣ дӯстони рӯҳан ба худ наздикро ёбӣ, чунон ки ин бо Акило ва Прискила рӯй дод.*[66]

Аз қисса маълум нест, ки оё *Акило ва Прискила* масеҳӣ буданд, ҳангоме ки Павлус бо онҳо шинос шуд, ё онҳо дар натиҷаи хизматгузории ӯ имон оварданд. Эҳтимол, паллаи тарозу ба ҳамон тараф хам мешавад, ки ҳангоми ба Қуринтус омадан онҳо аллакай масеҳӣ буданд.

**18,4** Павлус *ҳар як рӯзи шанбе дар куништ сухан ронда, яҳудиёну* ғайрияҳудиёни худотарсро бовар мекунонд, ки Исо дар ҳақиқат Масеҳи Худо буд.

**18,5** Ба Атино равона шуда, *Павлус, Сило* ва *Тимотиюсро* дар Бирия монд. Аз Атино ӯ ба онҳо фармоиш дод, ки ба ӯ ҳамроҳ шаванд. Онҳо танҳо дар Қуринтус ба ӯ расиданд.

Баъд аз омадани онҳо *Павлус аз Рӯҳ илҳом ёфт,* яъне Худованд ба ӯ вогузор кард, ки бо ҷидду ҷаҳди боз ҳам зиёдтар *ба яҳудиён шаҳодат додан гирад, ки Исо Масеҳ аст.* Тахмин кардан мумкин аст, ки расул вақтро дигар ба хайматайёркунӣ сарф намекард, балки худро пурра ба мавъизаи Хушхабар бахшид.

Тахминан дар ҳамин давра Павлус Номаи 1-ро ба Тасолуникиён менависад (тақрибан дар соли 52 милодӣ).

**18,6** Яҳудиёни беимон ба Павлус *зиддият ва бадзабонӣ мекарданд.* Хушхабарро рад кардан охири охирон худ ба худ муқобилат карданро ифода мекунад. Беимон ба ҳеҷ кас он қадар зарар намекунад, чунон ки худаш ба худаш.

Павлус *домани худро ба онҳо афшонда, гуфт: «Хунатон ба гарданатон; ман аз он пок ҳастам; минбаъд назди ғайрияҳудиён меравам».* Афшондани доман амали хеле пурмаъно буд, ки ҷудошавиро таҷассум мекард. Вале ин ба Павлус дар шаҳри дигар, масалан дар Эфесус, барои рафтан ба куништ монеъ нашуд (19,8).

Суханони расул огоҳии ҷиддиест ба ҳар як масеҳӣ дар бораи он ки ӯ барои наҷотёбии одамон ҷавобгар аст. Масеҳӣ – қарздори ҳар як одам аст. Агар ӯ Хушхабарро мавъиза карда, ин қарзро наканад, Худо аз ӯ барои ҳалокати одамон талаб мекунад. Аз тарафи дигар, агар ӯ содиқона дар бораи Масеҳ шаҳодат диҳад, вале ба мухолифати қатъӣ дучор ояд, пас ӯ аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад ва ҳамаи гуноҳ ба гардани оне ки Масеҳро рад мекунад, меафтад.

Дар ин оят тағйири роҳи Хушхабар аз халқи Исроил ба ғайрияҳудиён тасвир ёфтааст. Худо қарор дод, ки пеш аз ҳама Хушхабар бояд дар байни яҳудиён паҳн карда шавад, вале чунон ки дар китоби Аъмол зикр мешавад, азбаски халқи Исроил онро рад мекунад, Рӯҳи Худо бо андӯҳ аз ин халқ рӯ мегардонад.

**18,7-8** Баъд аз баҳси пурҷӯшу хурӯш бо яҳудиён расул ба хонаи *Юстуси* аз бутпарастӣ ба дини яҳудӣ гузашта, ки *хонаи вай бо куништ пайваст буд*, равона шуд. Дар ин ҷо ӯ хизмати худро давом медод ва ба ӯ шодии дидани он ки чӣ тавр *Криспус, сардори куништ, бо аҳли хонаи худ* имон овард, дода шуд. *Бисёр қуринтиёни* дигар инчунин ба Наҷотдиҳанда *имон оварданд ва таъмид гирифтанд*. Павлус Криспусро ва баъзеи дигаронро таъмид дод (1Қур. 1,14-16), вале одатан ӯ маросими таъмидро ба ягон Масеҳии дигар месупурд. Павлус метарсид, ки одамон дар гирди худи ӯ муттаҳид мешаванд, ба ҷои он ки муҳаббат ва садоқати худро комилан ба Худованд Исо бахшанд.

**18,9-10** *Худованд як шаб дар рӯъё* Павлусро меҳрубонона рӯҳбаланд карда *гуфт*, ки ӯ набояд *тарсад*. Расул мавъизаи суханро бояд давом диҳад ва боварӣ дошта бошад, ки Худо бо ӯст ва ӯро муҳофизат менамояд. *Дар ин шаҳр* Худованд *мардуми бисёре* дошт, яъне Ӯ кори Худро дар ҳаёти онҳо ба амал меовард ва дар охир онҳо наҷот меёбанд.

**18,11** Павлус дар Қуринтус боз якуним сол монда, *Каломи Худоро* ба қуринтиён *таълим медод*. Маълумотҳои муҳими иловагӣ дар бораи ин давраро Номаҳои 1-ум ва 2-юм ба қуринтиён дар бар мегиранд.

**18,12-16** Эҳтимол, дар охир, вақти дар Қуринтус будани Павлус, тахминан соли 53 милодӣ *волии Охоия Ғолиюн* таъйин шуда буд. *Яҳудиён* ба гумони он ки *волии* нав тарафи онҳоро мегирад, *Павлусро* ба назди ӯ, *ба додгоҳи* дар майдони бозори Қуринтус ҷойгир буда *оварданд*. Айбнома аз он иборат буд, ки ин *Павлус* мардумро иғво медиҳад, ки *ибодати Худоро бар хилофи шариати* яҳудиён ба ҷо оваранд. *Ғолиюн* ҳатто ба расул имконияти баромад кардан надода, бо як нафрати хеле сахт кори додгоҳро хотима дод. Ӯ ба яҳудиён гуфт, ки ин кор танҳо ба *шариати* онҳо дахл дорад ва ба доираи ҳуқуқи ӯ дохил нест. *Агар ҷинояте ё кирдори баде рӯй медод,* барои *Ғолиюн* асос мебуд, ки арзи яҳудиёнро босаброна *шунавад,* вале дар асл *баҳс* танҳо дар бораи *калимаҳо ва номҳо ва шариати* яҳудиён мерафт. *Волӣ* ягон хел хоҳиши *дар ин кор довар* буданро надошт, бинобар ҳамин ҳам ин корро хотима дод.

**18,17** Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки *юнониён Сустинусро* барои он ҷазо доданд, ки вай Павлусро бо чунин як айбномаи андак ба назди *Ғолиюн* бурд. Суханони: *«Ғолиюн ба ин ҳеҷ парво накард»* онро ифода намекунанд, ки Хушхабар диққати ӯро ҷалб намекард, вале эҳтимол, ҳамин хел ҳам буд. Зоҳиран, ӯ намехост ба шариат ва анъанаи яҳудиён дахолат кунад.

**18,18** Баъд аз ин ҳодисаҳо *Павлус боз чандин рӯз* дар Қуринтус *истод*. Эҳтимол, маҳз дар ҳамин вақт ӯ Номаи 2-юм ба Тасолуникиёнро навишт.

Ҳангоме ки дар охир ӯ ҳамроҳи *Акило ва Прискила* бо Қуринтус *хайру хуш кард,* онҳо бо киштӣ ба Сурия равона шуданд, аз афташ, нияти ба Антокия баргаштан доштанд. Шореҳон ба ақидаи ягонае омада наметавонанд, ки *дар Канхария,* бандари шарқии Қуринтус, *Павлус сарашро тарошид* ё *Акило*.[67]

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки чунин тарзи додани *назр* сирф аз яҳудиён аст ва барои ин хел одами рӯҳонии баркамол ба монанди Павлус ба кор намеомад. Вале, эҳтимол, ин масъаларо як хел ҳал карда намешавад.

**18,19-20** Ҳангоме ки киштӣ ба соҳили *ЭФЕСУС* расид, Прискила ва Акило ба нияти дар он ҷо мондан фаромаданд. Павлус аз истгоҳи кӯтоҳи киштӣ истифода бурда, *ба куништ* рафт ва *бо яҳудиён* гуфтугӯ кард. Хоҳиши онҳо, ки ӯ муддате бо онҳо бимонад, аҷиб буд, вале Павлус чунин карда наметавонист.

**18,21** Киштӣ равона мешуд. Вале Павлус ваъда дод, ки иди меомадаро ҳатман дар

Уршалим гузаронад, ва агар Худо хоҳад, ба Эфесус бармегардад.

**18,22** Истгоҳи ояндаи киштӣ дар *ҚАЙСАРИЯ* буд. Аз он ҷо расул ба *Уршалим* омад, дар он ҷо *бо ҷамоат салому аҳволпурсӣ кард,* пас аз он ба *АНТОКИЯ равона шуд*. Ин ташрифи охирин ба *Антокия* буд.

Сафари дуюми миссионерии Павлус ҳамин тавр ба охир расид.

## Е. Сафари сеюми миссионерии Павлус: Осиёи Хурд ва Юнон (18,23–21,26)

**18,23** Муддати зиёде дар Антокия *истода,* Павлус тайёр буд боз ба муддати зиёд ба роҳ барояд. Нақли ин сафари миссионерӣ аз ояти 23 то боби 21,26 оварда шудааст.

Аввалин вилоятҳое ки Павлус ташриф овард, *ҒАЛОТИЯ* ва *ФРИҶИЯ* буданд. Расул ҳар як ҷамоати маҳаллиро як-як дида баромада *ҳамаи шогирдонро устувор менамуд*.

**18,24-26** Қисса моро боз ба *Эфесус* меоварад, ки дар он ҷо мо *Акило ва Прискиларо* тарк карда будем. Ба он ҷо мавъизагари *суханвар бо номи Апуллус,* шахси *аз Навиштаҳои* Аҳди Қадим *хабардор* омад. Ӯ *яҳудӣ* аз *Искандария,* пойтахти Мисри шимолӣ буд. Ҳарчанд мавъизаи ӯ бо қувваи зиёд фарқ мекард ва худи ӯ хеле боэҳтимом буд, бо вуҷуди он эҳсос карда мешуд, ки ба ӯ дониш оид ба имони масеҳӣ намерасад. Аз афташ, ӯ дар бораи хизмати *Яҳёи* Таъмиддиҳанда ва дар бораи он ки *Яҳё* халқи Исроилро ба тавба кардан ва ба зуҳури Масеҳ тайёрӣ дидан даъват мекард, хуб медонист. Таассуроте ба амал меояд, ки ӯ дар бораи таъмиди масеҳӣ ё дигар ягон ҷузъиёти таълимоти масеҳӣ чизе намедонист. Вақте *Акило ва Прискила* шуниданд, ки чӣ тарз ӯ *дар куништ сухан рондан гирифт,* фаҳмиданд, ки ӯ ба насиҳат эҳтиёҷ дорад, бинобар ҳамин *ӯро* бо муҳаббат *назди худ оварданд* ва *роҳи Худовандро ба ӯ дақиқтар фаҳмониданд*. Омодагии ин мавъизагари *суханвар* барои қабули насиҳат аз устои хаймадӯз ва зани ӯ шоёни таҳсин аст.

**18,27-28** Дили Апуллус барои таълим додан кушода буд ва бинобар ин *бародарон* дар Эфесус нияти ӯро дастгирӣ намуданд, ки ба Қуринтус рафта мавъиза кунад. Онҳо ҳатто барои ӯ тавсиянома *навиштанд*. Дар натиҷа Апуллус дар Қуринтус ба масеҳиён хеле фоида овард, *зеро ки бо қуввати тамом дар пеши назари ҳама бо яҳудиён баҳс карда, исбот менамуд, ки Исо* дар ҳақиқат *Масеҳ аст*.

**19,1** Ҳангоме ки Павлус ба *Эфесус* бори аввал ташриф овард, ӯ ба яҳудиён дар куништ ваъда дод, ки агар Худо хоҳад, ӯ бармегардад. Ин ваъдаро иҷро карда, ӯ аз кишвари Ғалотия ва Фриҷия бо роҳе ки аз байни кӯҳсор ба даруни материк мерафт, *ба* ЭФЕСУС равона шуд, ки дар ғарби соҳилҳои Осиёи проконсулӣ ҷойгир буд. Ба он ҷо омада, ӯ тахминан бо дувоздаҳ нафар шахсоне ки худро *шогирд* эълон мекарданд, вохӯрд. Ӯ бо онҳо ҳамсуҳбат шуда фаҳмид, ки маълумоти онҳо дар бораи имони масеҳӣ хеле номукаммал ва нокифоя мебошад. Дар ӯ ҳатто саволе ба вуҷуд омад, ки оё бар онҳо ягон вақт Рӯҳулқудс фуруд омадааст.

**19,2** Бинобар ин ӯ аз онҳо пурсид: *«Оё вақте ки имон овардед, Рӯҳулқудсро қабул кардед?»* Дар як нусхаи Навиштаи Муқаддас савол мухтасар чунин баён карда шудааст: «Оё баъд аз он, ки шумо имон овардед, Рӯҳулқудс бар шумо фуруд омад?» Чунин тасвия саҳван тахмин мекунад, ки Рӯҳулқудсро *пас* аз наҷот қабул мекунанд.

Ин оят дар назар надорад, ки қабули Рӯҳулқудс амали файз аст, ки *пас аз* наҷот меояд. Ҳамин ки гунаҳкор Наҷотдиҳандаро бо имон қабул менамояд, Рӯҳулқудс бар ӯ фуруд меояд.

Шогирдон ҷавоб доданд: *«ҳатто нашунидаем, ки Рӯҳулқудс ҳаст»*. Азбаски ин одамон шогирдони Яҳёи Таъмиддиҳанда буданд, ки дар ин бора мо аз ояти оянда мефаҳмем, онҳо аз Аҳди Қадим дар бораи мавҷудияти Рӯҳулқудс бояд медонистанд. Ба ғайр аз ин, Яҳё ба пайравони худаш таълим медод, ки Оне ки баъд аз ӯ меояд, онҳоро бо Рӯҳулқудс таъмид медиҳад. Чизе ки ин шогирдон намедонистанд, он буд, ки *Рӯҳулқудс* аллакай дар рӯзи Пантикост ато шуда буд.

**19,3-4** Ҳангоме ки расул дар бораи таъмид хотиррасон кард, ӯ фаҳмид, ки ин одамон танҳо дар бораи *таъмиди Яҳё* медонанд. Дигар хел карда гӯем, онҳо танҳо наздик будани омадани Масеҳро медонистанд ва ба шаҳодати *тавбаи* худ *таъмидро* қабул карданд, чун тайёрии зарурӣ ба омадани Ӯ чун Подшоҳ. Онҳо намедонистанд, ки *Масеҳ* мурд, дафн карда

шуд, аз мурдагон зинда шуд ва ба осмон боло шуд ва Ӯ Рӯҳулқудсро фиристод. *Павлус* ҳамаи инро ба онҳо фаҳмонд. Ӯ ба онҳо хотиррасон кард, ки *таъмиде ки Яҳё медод, таъмиди тавба буд,* ва ӯ онҳоро бовар мекунонд, ки *ба Масеҳ Исо имон оваранд*.

**19,5** *Чун онҳо инро шуниданд, ба номи Худованд Исо таъмид гирифтанд*. Дар давоми ҳамаи китоби Аъмол қудрати Исо возеҳ таъкид карда мешавад. Бинобар ин дар ин ҷо ҳам шогирдони Яҳё баҳри итоат ба *Худованд Исо таъмид гирифтанд,* ва дар пеши мардум эътироф намуданд, ки онҳо ба Исои Масеҳ имон овардаанд ва тамоми ҳаёти худро ба Ӯ чун ба Худованд тобеъ кардаанд.

**19,6-7** Пас аз он *Павлус дастҳои худро бар сари онҳо гузошт* ва онҳо *Рӯҳулқудсро* қабул намуданд. Ин дафъаи чоруми фуруд омадани *Рӯҳулқудс* аст, ки дар китоби Аъмол тасвир ёфтааст. Дар мавриди аввал, ки дар боби 2 нақл карда шудааст, *Рӯҳ* дар ибтидо дар рӯзи Пантикост бар яҳудиён фуруд омад. Мавриди дуюм дар боби 8 Аъмол оварда шудааст, вақте ки *Рӯҳ* ба сомариён ба воситаи дастгузории Петрус ва Юҳанно ато шуда буд. Дар мавриди сеюм *Рӯҳ* бар хонадони ғайрияҳудӣ Корнилюс дар Ёфо фуруд омад. Мо аллакай пештар ҳам зикр карда будем, ки тартиби ҳодисаҳои пеш аз қабули *Рӯҳулқудс* дар ҳар як маврид гуногун аст.

Дар ин ҷо, дар Аъмол 19, тартиб чунин аст:

1. Имон овардан.
2. Таъмиди дубора.
3. Дастгузории расул.
4. Қабул намудани Рӯҳулқудс.

Ба воситаи дастгузории Павлус шогирдони Яҳёро бо *Рӯҳулқудс* пур карда, Худованд худи имконияти тахминҳои бемавқеъро дар бораи он ки Павлус аз Петрус, Юҳанно ё дигар расулон пасттар бошад, пешгирӣ кард.

Ҳангоме ки ба шогирдони Яҳё *Рӯҳулқудс* фуруд омад, онҳо *ба забонҳо сухан ронда, пайғамбарӣ карданд*. Чунин қобилиятҳои фавқулодаро ато карда, Худо дар он замоне ки Навиштаҳои Аҳди Нав ҳанӯз навишта нашуда буданд, амал мекард. Ҳозир бошад, дар бораи он ки дар лаҳзаи имон овардан бар мо *Рӯҳулқудс* фуруд омад, ба мо на аломатҳо, на мӯъҷизаҳо ва ҳатто на эҳсосот, балки Навиштаҳои Аҳди Нав шаҳодат медиҳад.

Аз ҳамон лаҳза, ҳамин ки одам ба Худованд Исои Масеҳ имон овард, Рӯҳулқудс дигар ӯро тарк намекунад; ӯ бо Рӯҳулқудс нақш баста шудааст; ӯ кафолати Рӯҳулқудсро ба даст меорад; ӯ масҳи Рӯҳулқудсро ба даст меорад; ва ӯ бо Рӯҳ ба Бадани Масеҳ таъмид ёфтааст. Вале ин он далелро рад намекунад, ки дар ҳаёти имондорон мушкилиҳои рӯҳонии баъдина хоҳанд буд. Ҳамчунин эътироф накардани он мумкин нест, ки Рӯҳулқудс зудзуд ба одамони алоҳида фуруд омада, онҳоро барои хизмати махсус бо қувва пур карда, бебокии бузург дар имон ва дилсӯзии махсус ба ҷонҳои ҳалокшудаистода ато менамояд.

**19,8** *Муддати се моҳ* Павлус *ба куништи* Эфесус меомад, *ва дар бораи Подшоҳии Худо гуфтугӯ мекард ва далелҳо меовард. «Гуфтугӯ мекард»* – ба хиради одамон муроҷиат мекард. *«Далелҳо меовард»* – ӯ мекӯшид ба иродаи онҳо таъсир расонад, онҳоро мӯътақид менамуд, ки бо имон Исои Масеҳро қабул намоянд. Мавзуи баромади ӯ *Подшоҳии Худо* буд.

К. Е. Стюарт шарҳу эзоҳ медиҳад:

*Қобили зикр аст, ки ӯ Хушхабари Подшоҳиро мавъиза намекард: ин дар ҳамин давра бемаврид мебуд. Дар ин бора Худованд мавъиза карда буд. Вале бо марги Ӯ ин мавъиза бурида шуда буд ва дар рӯзи меомада аз нав сар мешавад (Мат. 24,14; Ваҳӣ 14,6.7). Павлус бошад дар бораи Подшоҳии Худо, ки ҳоло дар замин ҳузур дорад, мегуфт.*[68]

**19,9-10** Азбаски баъзе яҳудиён *сахтдил буданд* (бо хиради худ), саркаш буданд (бо иродаи худ) ва *мардумро* зидди *Тариқати Худованд* бармеангехтанд, Павлус куништро тарк карда *шогирдони* худашро аз яҳудиёни маҳаллӣ *ҷудо кард*. Ӯ онҳоро ба омӯзишгоҳи *Тиронус* овард, ки дар он ҷо ҳар *рӯз* озодона онҳоро таълим дода метавонист. Чунин меҳисобанд, ки *Тиронус* юнонӣ буд, ки аз фалсафа ё илми суханпардозӣ дарс медод. Наздик ба *ду сол* расул шогирдонро тайёр карда, онҳоро барои мавъиза кардан ба дигарон мефиристод. Дар натиҷа тамоми сокинони вилояти *Осиё, ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, каломи Худованд Исо шуниданд*. Ҳамин тариқ барои Павлус дари бузургу фарохе боз шуд, ҳарчанд ӯ мухолифони зиёд дошт (1Қур. 16,9).

**19,11-12** Ҳамчун расули Исои Масеҳ *Павлус* аломатҳо нишон дода ва мӯъҷизаҳо ба амал оварда метавонист. Онҳо ҳамчун далели

расул будани ӯ хизмат мекарданд ва мавъизаи ӯро тасдиқ мекарданд. Қувваи ба воситаи ӯ паҳн мешуда чунон бузург буд, ки ҳатто дастрӯймолҳо ва камарбандҳои дастрасонидааш, ки *ба беморон* ва мубталоёни рӯҳи нопок гузошта мешуданд, ба онҳо шифо мебахшиданд. Саволе ба миён меояд: Оё ин *мӯъҷизаҳо* имрӯз такрор шуда метавонанд? Рӯҳулқудси Худо пуриқтидор аст ва ҳар чизеро, ки дар иродаи Ӯст, метавонад ба амал оварад. Вале бояд иқрор шуд, ки ба расулон ва ҳамсафонашон қобилияти фавқулода ато шуда буд. Азбаски ҳозир ба маънои аслии ин сухан расулон нестанд, исрор кардани он ки мӯъҷизаҳои ба амал овардаи онҳоро ҳамеша такрор кардан мумкин аст, бефоида мебуд.

**19,13-14** Дар он ҷое ки Худованд пурқудратона амал мекунад, шайтон доимо дар наздикӣ мебошад, то ки бо ҳар тарз ба Ӯ мухолифат намояд ва халал расонад. Дар он рӯзҳое ки Павлус дар Эфесус мавъиза мекард ва мӯъҷизаҳо меофарид, дар он ҷо якчанд *азоимхонҳои* оворагарди яҳудӣ зиндагӣ мекарданд. Ин одамон ба *рӯҳи бади* девзадаҳо *(исми Худованд Исоро* ҳамчун формулаи мӯъҷизаовар истифода бурда) мефармуданд, ки аз онҳо бароянд. Худи Худованд Исо эътироф мекард, ки баъзе яҳудиён дар ҳақиқат қобилияти баровардани рӯҳи бадро доштанд (Лук. 11,19).

Дар байни ҷодугарони яҳудӣ, ки инро таҷриба мекарданд, ҳафт писари Искиво номбар шудаанд. Ин одам *саркоҳин* ё коҳин таъйин шуда буд, ки барои бисту чор навбати коҳинон ҷавобгар буд. Боре писарони ӯ аз девзадае рӯҳи бадро ронданӣ шуданд. Онҳо ба рӯҳи бад гуфтанд: «Туро *ба Исое ки Павлус мавъиза менамояд, қасам медиҳем».*

**19,15-16** Онҳо ин суханонро ба забон оварданд, вале қувваи мувофиқ дар онҳо набуд ва рӯҳи ба ба онҳо итоат накард. Ҷавоби *рӯҳи бад* ба дараҷаи олӣ қобили зикр аст. Ӯ гуфт: *«Исоро мешиносам, Павлусро низ медонам, лекин шумо кистед?»*

Вобаста ба ин мавзуъ шарҳи аҷиби Ф. Б. Мейерро иқтибос овардан меарзад:

*Ҳангоме ки писарони Искиво ба рӯҳи бад дарафтоданд, ӯ ба онҳо нигоҳ кард ва гуфт: «Шумо, паканаҳо, шумо, лилипутҳо, шумо кистед? Павлусро ман медонам. Аммо шуморо намедонам. Ман ҳеҷ гоҳ дар бораи шумо пеш аз ин нашунидаам; номҳои шумо ҳеҷ гоҳ дар дӯзах зикр нашудааст. Ҳеҷ кас шуморо намедонад ва ҳатто берун аз ҳудуди шаҳраки хурд бо номи Эфесус касе дар бораи шумо нашунидааст».*

*Ва имрӯз худи ҳамин савол дар назди ман меистад: «Оё дар бораи ман дар дӯзах медонанд?» Оё дар бораи мо девҳо медонанд? Оё онҳо аз мо метарсанд? Оё онҳо метавонанд ба мо ҳуҷум кунанд? Ҳангоме ки дар рӯзи якшанбе мавъиза мекунем, дар кӯча суҳбат мекунем ё дар мактабҳои якшанбегӣ таълим медиҳем, шайтон мегӯяд: «Ман туро намедонам. Ту арзиши онро надорӣ, ки барои ту борут сарф карда шавад; метавонӣ кори худро давом диҳӣ. Ман барои боздоштани ту дӯзахро чаппагардон карданӣ нестам».*[69]

Қобили зикр аст, ки чӣ гуна дар Навишта байни *рӯҳи бад* (ояти 15) ва *шахсе рӯҳи бад дошт,* фарқ гузошта мешавад (ояти 16). Дар ояти 15 рӯҳи бад гап мезад. Вале дар ояти 16 бошад, худи одаме ки рӯҳи бад дошт, *ба* писарони Искиво *дарафтод, онҳоро мағлуб кард,* либосашонро кашида партофт ва лату кӯб кард.

**19,17** Хабар дар бораи шикасти қувваи шайтон дар тамоми гирду атроф паҳн шуд ва ҳамаи мардум ба ҳарос афтоданд *ва номи Худованд Исоро бештар иззату икром мекарданд.* На номи Павлус, балки *номи* Наҷотдиҳандаи ӯ машҳур гашт.

**19,18-19** Рӯҳулқудс бо чунон қуввае ба онҳое ки бо соҳирӣ машғул буданд, таъсир расонд, ки аксари онҳо ба Масеҳ рӯ оварданд, *корҳои худро иқрор ва ошкор мекарданд.* Ин корро карда, онҳо дар пеши ҳамаи мардум *китобҳои худро* дар бораи соҳирӣ ҷамъ оварда, дар гулхани калон сӯзонда, имон овардани худро нишон доданд. Арзиши умумии ин китобҳо *панҷоҳ ҳазор дирҳамро* ташкил медод. Эквиваленти ҳозираи долларро бо ин маблағ аниқ муайян кардан бисёр мушкил аст; эҳтимол, ин аз ҳашт то даҳ ҳазор долларро ташкил медиҳад.

**19,20** Ин гуна дар пеши мардум аз анъанаҳои бутпарастӣ даст кашидан ба он оварда расонд, ки *Каломи Худованд* бо *қувваи* зиёд меафзуд ва тантана мекард. Эҳтимол, агар масеҳиёни ҳозира китобҳо ва маҷаллаҳои пастсифати худро месӯзонданд, Каломи Худо боз ҳам бештар тантана мекард.

**19,21** Вақте ки муҳлати дар Эфесус будани Павлус ба охир расид, ӯ қарор дод боз *ба*

*Уршалим* ба воситаи *Мақдуния ва Охоия равад* ва баъд аз ин ӯ мехост *Румро бинад.* Дили бузурги пур аз муҳаббат ва тараҳҳуми ӯ ҳамеша ӯро ба он ҷо мекашид, ба он ҷое ки ба ёрии ӯ муҳтоҷ буданд, ва ба он ҷо Хушхабарро овардан мумкин буд, ва вай аз он ҷо ба дигар ҷо паҳн шуда метавонист.

**19,22** *Ӯ ба Мақдуния Тимотиюс ва Арастусро* фиристод, *худаш* бошад *ба муддате дар вилояти Осиё* монд. Аз афташ, маҳз ҳамон вақт ӯ Номаи якум ба қуринтиёнро навишт (тахминан соли 56 милодӣ).

**19,23-27** Ба шарофати хизмати Павлус аксари Эфесусиён аз бутҳои худ рӯ гардонида, ба Худованд рӯ оварданд. Бедоршавии рӯҳонӣ дар шаҳр чунон вусъат ёфт, ки ин ба пастшавии талабот ба махсулоти хунармандоне ки бутҳоро тайёр мекарданд, оварда расонд. Яке аз «зарардидагон» *Димитриюси нуқрагар* буд. *Ӯ нусхаҳои нуқрагини ибодатхонаи Артамисро* (Диана)[70] месохт. *Димитриюс* чун намояндаи *ҳунармандон* баромад карда, ҳамаи ҳамкасбон-ҳунармандонро ҷамъ карда, онҳоро ба амалиёти қатъӣ водор кард. Ӯ ба онҳо хотиррасон кард, ки *Павлус* ҳамин хел бо муваффақият *одамони бисёрро* бовар кунондааст, ки *чизҳои сохтаи дасти инсон худо нестанд.* Ӯ мақсади ҳақиқии худро ошкор кард, вақте гуфт ки ин *ба ҳунари* онҳо *таҳдид мекунад,* вале кӯшиш кард ба баромади худ тобиши динӣ диҳад ва вонамуд кард, ки ба *Артамис* ва *ибодатгоҳи* ӯ эҳтироми бузурге дорад.

**19,28-31** Машварати ҳунармандони нуқрагар дере нагузашта ба бетартибиҳои умумӣ табдил ёфт, ки *тамоми шаҳрро* фаро гирифт. *«Бузург аст Артамиси Эфесусиён!»* – гӯён фарёд зада, тӯдаи мардум *ба сӯи тамошохона* (саҳна ё амфитеатр) *тохтанд* ва ду нафарро аз *ҳамроҳони Павлус – Ғоюс ва Ористархусро дастгир карда,* қасди куштани онҳоро карданд. *Павлус мехост* ба издиҳом мудохила намуда, суҳбат кунад, вале ба ӯ *шогирдон,* ҳамчунин *баъзе аз сардорони вилояти Осиё* (асиархҳо, амалдорони аз тарафи аҳли шаҳр интихобшуда, ки аз ҳисоби худ бахшида ба худоҳо идҳо ташкил мекарданд) намонданд, ки ин корро кунад. Ин некӯкорони шаҳр, ки ба *Павлус* муносибати дӯстона доштанд, ӯро бовар кунониданд, ки ба саҳна баромадан ниҳояти беақлист.

**19,32** Дар айни замон, издиҳом тамоман идоранашаванда гардид. Аксарият ҳатто намедонистанд, ки барои чӣ ҷамъ шудаанд. Дар ҳар тараф доду фарёди мухталиф шунида мешуд.

**19,33-34** *Искандар ном яҳудӣ* баромада, ба издиҳом муроҷиат кардан хост. Бешубҳа, ӯ мехост яҳудиёнро тарафдорӣ намояд, ки онҳо дар ин ҷо тамоман ҳеҷ гуноҳе надоранд. *Ҳангоме* дар издиҳом *фаҳмиданд, ки ӯ яҳудист,* онҳо шӯру ғавғо бардошта, ӯро сухан гуфтан намонданд. *Тахминан ду соат* онҳо нидо мекарданд: *«Бузург аст Артамиси Эфесусиён»*

**19,35** Дар ин давраи дигаргуншавии қатъӣ *котиби шаҳр мардумро* ором карда тавонист. Ҳарчанд баромади ӯ на он қадар боварибахш буд, вале ба натиҷаи дилхоҳ овард. Аслан ӯ гуфт, ки Эфесусиён набояд аз чизе хавф дошта бошанд. Охир, ҳама медонистанд, ки шаҳри *Эфесус нигаҳбони ибодатхонаи Артамиси олиҳаи бузург* интихоб шуда буд. Ҳарчанд барои соҳиб шудан ба парастишгоҳи Артамис сездаҳ шаҳри Осиё талош мекарданд, бо вуҷуди ин нигаҳбонии парастишгоҳ ва низ нигаҳбонии ҳайкали аз осмон фуруд омадаи Артамис ба Эфесус насиб шуд.

**19,36-40** Дар баробари фаҳмондани он ки ҳеҷ кас ба асосҳои динии онҳо дастдарозӣ намекунад ва ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ оини Артамисро сарнагун карда наметавонад, ӯ ба одамон гуфт, ки ҳамаи ин ғавғоро ташкил кардан аз тарафи онҳо бемулоҳизагӣ буд. Охир мардуме ки онҳо ба муқобилашон баромадаанд *на ғораткунандагони ибодатгоҳанд ва на дар бораи олиҳа Артамис куфр гуфтаанд. Агар Димитриюс ва дигар ҳамкоронаш даъвои* ҳаққоние дошта бошанд, метавонанд ба *маҷлиси одии додгоҳ* муроҷиат кунанд, ки дар он *волиён* ҳозиранд онҳоро гӯш диҳанд. Агар талаби дигаре дошта бошанд, ҳамеша имконияти *ҷамоати қонунӣ* барпо кардан ҳаст. Онҳо бошанд чун издиҳоми номуташаккил ҷамъ омадаанд. Ҳокимони империяи Рум чунин ҳодисаҳоро на он қадар маъқул медонистанд. Агар онҳоро барои ин баромади авом ба ҷавобгарӣ кашанд, онҳо имконияти худро сафед кардан надоштанд. Котиби шаҳр ҳамчунин медонист, ки агар хабари ошӯб то ба Рум расад, мансаби ӯ ва, эҳтимол, ҳаёти ӯ дар хатар мебуд.

Дар ин вақт издиҳом ором шуд ва одамон саросема ба хонаҳояшон рафтанд.

*Аҷиб он аст, ки на худи ошӯбҳо, балки маҳз иқдоми котиби шаҳр, ки оромиро*

*барқарор карданӣ буд, ба хизмати Павлус дар Эфесус хотима гузошт. Ҳарчанд ӯ дар Эфесус мухолифони зиёд дошт, то даме ки мухолифат хусусияти «солим»-ро доро буд, Павлус ҳис мекард, ки дар ин ҷо барои ӯ «дарвозаи бузурги фарохе кушода аст» (1Қур. 16,8.9). Вале, аз афташ, ҳангоме ӯ маҷбур буд пуштибонии ҳокимони шаҳрро қабул кунад, Эфесусро тарк намуд ва роҳашро давом дод.*

Калимаи *«ҷамъомад»* ё *«ҷамоат»* (ояти 32 ва 40), ки тарҷумаи калимаи юнонии *«экклезиа»* аст, «ҷамъомади даъватшуда»-ро ифода мекунад. Дар дигар ҷойҳои Аҳди Нав ин калима *«ҷамоат»* тарҷума мешавад. Танҳо аз алоқамандии матн муайян кардан мумкин аст, ки оё ин калимаи юнонӣ издиҳоми бутпарастонро ифода мекунад, чун дар ин ҷо, ё халқи Исроилро, чун дар Аъмол 7,38, ва ё Ҷамоати Аҳди Навро ифода мекунад. Калимаи «ҷамоат» назар ба *«церковь»* тарҷумаи беҳтари *«экклезиа»* мебошад. Калимаи *«церковь»* аз калимаи юнонии *«куриакэ»* баромадааст, ки «ба Худованд тааллуқдошта»-ро ифода мекунад (калимаи англисии *«church»* низ аз ҳамин калима пайдо шудааст). Ҳозир бо ин калима одатан парастишгоҳ, бинои динӣ фаҳмида мешавад. Аз ҳамин сабаб масеҳиёни зиёд истифодаи калимаи «ҷамоат»-ро афзалтар мешуморанд; он инъикоскунандаи далелест, ки Ҷамоат пеш аз ҳама бино нест ва ҳатто мазҳаб нест, балки гурӯҳи одамони даъватшуда ва дар як ҷо ҷамъ меомада мебошад.

**20,1** Ояти 1 гӯё тасдиқ мекунад, ки расул аз Эфесус рост ба *Мақдуния* равона шуд. Вале аз 2Қуринтиён мо мефаҳмем, ки аввал ӯ ба ТРӮОС рафт. Дар он ҷо ӯ барои мавъизаи Хушхабар дари кушод ёфт, вале мақсади асосии ӯ вохӯрдан бо Титус буд ва фаҳмидани он, ки қуринтиён номаи аввалро чӣ гуна қабул карданд. Титусро дар Трӯос наёфта, Павлус ба *МАҚДУНИЯ* равона шуда, қисми шимолӣ-шарқии баҳри Эгейро бурида гузашт. Бешубҳа, ӯ ба НИЁПУЛИС фаромад ва баъд аз он ба дарунтари материк, ба ФИЛИППӢ равона шуд. Дар *Мақдуния,* эҳтимол, дар Филиппӣ, Павлус бо Титус вохӯрд ва аз ӯ хабарҳои умедбахшро аз Қуринтус гирифт. Аз афташ, маҳз дар ҳамин вақт ӯ Номаи дуюм ба Қуринтиёнро навишт (с. 56 милодӣ?). (Ниг. 2Қур. 1,8.9; 2,12-14; 7,5-7).

**20,2-3а** Муддатеро дар хизмат дар Мақдуния гузаронида Павлус ба ҷануб ба *ЮНОН* ё ОХОИЯ равона шуд. Қисми зиёди он *се моҳро,* ки Павлус дар он ҷо буд, ӯ, бешубҳа, дар ҚУРИНТУС гузаронд ва маҳз дар ҳамин вақт Нома ба Румиёнро навишт. Баъзе тадқиқотчиён чунин меҳисобанд, ки дар ҳамин вақт ҳамчунин Нома ба Ғалотиён навишта шудааст.

**20,3б** Павлус аз ибтидо нақша кашида буд, ки аз Қуринтус ба воситаи баҳри Эгей рост *ба Сурия* меравад. Вале вақте ӯ фаҳмид, ки *яҳудиён* қасд кардаанд, ӯро дар роҳ кушанд, ӯ роҳи худро дигар кард ва аз нав ба шимол *ба воситаи МАҚДУНИЯ* равона шуд.

**20,4** Дар ин ҷо бо баъзе ҳамроҳони Павлус шинос мешавем. Дар ин оят гуфта мешавад, ки онҳо то Осиё *ҳамроҳи ӯ рафтанд,* вале мо медонем, ки баъзеи онҳо ҳатто дар Рум бо Павлус ҳамроҳ буданд.

*Супотрус аз аҳли Бирия,* эҳтимол, ҳамон Сусипатрус аст, ки хеши Павлус буда, дар Румиён 16,21 зикр шудааст.

*Оristархус* аз аҳли Тасолуникӣ, ки ҳангоми ошӯб дар Эфесус қариб ҳалок шуд (Аъм. 19,29). Баъдтар зикр мешавад, ки ӯ якҷоя бо Павлус дар Рум ба зиндон андохта шуд (Филем. 23; Кул. 4,10).

*Секундус,* ҳамчунин аз аҳли Тасолуникӣ, Павлусро то Осиё, эҳтимол, то Трӯос ё Милитус ҳамроҳӣ карда буд.

*Ғоюсро аз Дарба* бо мақдуние ки аз тарафи издиҳом дар Эфесус дастгир карда шуд, омехта кардан лозим нест (Аъм. 19,29). Дар Аҳди Нав боз як Ғоюс зикр карда мешавад – аҳли Қуринтус, ки ҳангоми дар он ҷо буданаш Павлус дар хонаи ӯ зиндагӣ карда буд (Рум. 16,23). Номаи сеюми Юҳанно ба Ғоюс ном одам фиристода шудааст, ки эҳтимол, дар ягон шаҳри назди Эфесус зиндагӣ мекард. Номи Ғоюс хеле интишор ёфта буд.

*Тимотиюс* на танҳо *то Осиё ҳамроҳи* Павлус *рафт,* балки дар Рум ҳангоми бори аввал ҳабс шудани ӯ низ ҳамроҳ буд. Баъдтар ӯ якҷоя бо Павлус дар вилояти *Осиё сафар* кард. Дар 2Тимотиюс Павлус хоҳиши ба ӯ аз нав вохӯрданро кард, вале мо намедонем, ки он ягон вақт амалӣ шуд ё не.

*Тихиқус,* аз мардуми *Осиёи* Хурд, аз афташ, расулро то Милитус ҳамроҳӣ кардааст. Баъд ӯ ба Павлус дар Рум ҳамроҳ шуд ва чунон ки зикр мешавад, бо ӯ то (ва дар вақти)

дубора ҳабс шудани ӯ якҷоя меҳнат карда буд.

*Трофимус,* зоҳиран ғайрияҳудӣ буд, ки дар Эфесус дар Осиёи Хурд зиндагӣ мекард. Ҳамроҳи Павлус ӯ ба Уршалим рафт ва беихтиёр сабабгори ҳабси расул гашт. Ӯ инчунин дар 2Тимотиюс 4,20 номбар шудааст.

**20,5-6** Аз афташ, ҳафт бародарони дар боло номбаршуда ба *Трӯос* пештар рафтанд, Павлус ва Луқо бошанд то он замон ба *ФИЛИППӢ* рафтанд. (Мо чунин меҳисобем, ки Луқо ҳамроҳи расул буд, зеро дар ин порча ҷонишини шахси якум истифода шудааст: *«мо»* дар ояти 5, 6 ва ғайра.) *Пас аз рӯзҳои иди фатир* ё Песаҳи яҳудиён Павлус ва Луқо бо киштӣ аз Мақдуния ба *Трӯос* рафтанд. Одатан чунин сафар *панҷ рӯз* давом намекард. Чунин таъхир дар ин ҷо ҳеҷ гуна шарҳ дода намешавад.

**20,7-9** Дар вақти муқоисаи оятҳои 6 ва 7 чунин менамояд, ки расул қасдан ҳафт рӯз дар Трӯос монд, то ин ки дар *пора кардани нон* дар рӯзи якшанбе ҳузур дошта бошад. Аз ояти 7 комилан аён аст, ки масеҳиёни аввалин оини *дар рӯзи якуми ҳафта* ҷамъ шудан доштанд ва Шоми Худовандро ба ҷо меоварданд.

*То нисфи шаб* сухан кардани *Павлус* набояд моро ба ҳайрат оварад. Ҳангоме ки ҳарорати рӯҳонии ҷамоат баланд аст, Рӯҳи Худо метавонад ба ҳукмронии вақт итоат накунад. Шаб оҳиста-оҳиста тул мекашид, болохона гарм ва дим шуд, ки ба он, эҳтимол, *чароғҳои бисёри* дар он ҷо буда, инчунин шумораи зиёди одамон мусоидат карданд. *Эфтихус ном ҷавон,* ки дар *тирезаи* кушода менишаст, хобаш бурда ба поён ба замин санг барин афтид. Ӯ аз ошёнаи *сеюм* афтода мурд.

**20,10** *Вале Павлус* поён фуромада худро ба болои тани ҷавон партофта, ӯро дар оғӯш гирифт, ки замоне пайғамбарон чунин мекарданд. Пас аз он ӯ ба одамон гуфт, ки онҳо дигар хавотир нашаванд ҳам мешавад, зеро ки Эфтихус зинда аст. Аз суханони Павлус чунин намуданаш мумкин аст, ки хавотиршавии ҷамъомадагон беҳуда аст, зеро ки ҷавон намурдааст; *ҷони ӯ* то ба ҳол *дар ӯст.* Вале аз ояти 9 аён аст, ки ӯ дар ҳақиқат мурда буд. Бо қувваи ба расулон додашуда Павлус ба тарзи муъҷизавӣ ӯро зинда гардонд.

**20,11-12** Ҳангоме ки Павлус боло баромад, онҳо *нонро пора карданд* (ояти 11), яъне Шоми Худовандро ба ҷо оварданд, ки барои он ҷамъ омада буданд (ояти 7). Пас аз он онҳо ба хӯрокхурии умумӣ сар карданд, эҳтимол, ин «агапе» ё шоми муҳаббат буд. Дар Ҷамоати масеҳиёни аввал ба ноншиканӣ хӯрокхӯрӣ ҳам ҳамроҳ буд, ки дар он ҳамаи ҷамоат иштирок мекард, вале ин анъана оҳиста-оҳиста барҳам хӯрд, чунки суиистифода сар шуд (1Қур. 11,20-22).

Баъд аз ин ҷамъомад, ки тамоми шаб давом кард ва фаромӯшнашаванда гашт, расул бо масеҳиёни Трӯос хайрухуш кард.

**20,13-15** Павлус Трӯосро тарк кард ва қариб сӣ километр *пиёда* гашта аз байни гардана ба *АСУС* рафт. Ҳамроҳони вай димоғаро аз баҳр давр зада, ӯро дар тарафи ҷанубӣ ба *киштӣ* гирифтанд. Эҳтимол, ӯ мехост муддате танҳо бошад, то дар бораи Каломи Худо хуб мулоҳиза кунад.

Қад-қади соҳилҳои Осиёи Хурд ба ҷануб шино карда, онҳо ба *МИТИЛИНӢ,* шаҳри асосии ҷазираи ЛЕСБОС, *расиданд.* Шоми дигар онҳо дар назди ҷазираи *ХИОС* лангар андохтанд. Боз як рӯзи шинокунӣ ва онҳо дар ҷазираи *СОМУС* буданд ва *дар ТРУҶИЛИЮН истоданд.* Дар охир мусофирон ба *МИЛИТУС,* бандар дар ҷанубу ғарби соҳили Осиёи Хурд, дар панҷоҳу чор километр ҷанубтари Эфесус *омаданд.*

**20,16** *Павлус* қасдан ба Эфесус надаромад, зеро метарсид, ки ин ӯро бисёр ба таъхир меандозад, ӯ бошад хеле *мешитобид,* то ки *дар рӯзи Пантикост дар Уршалим* бошад.

**20,17** Дар *Милитус* фаромада ба *Эфесус* кас фиристода *пирони* ҷамоатро даъват намуд. То даме ки хабар ба онҳо расид, як муддате гузашт ва барои ба *Милитус* расидани онҳо вақт лозим шуд. Вале онҳо бо нутқи бисёр аъло, ки аз забони расул садо дод, мукофотонида шуданд. Дар он симои олидараҷаи хизматгори идеалии Худованд Исои Масеҳ тасвир ёфтааст. Мо одамеро, ки комилан ба Наҷотдиҳанда содиқ аст, мебинем. Ӯ пайваста кор мекард, монданашаванда ва нотарс буд. Ӯ ҳақиқатан хоксор аст. Ҳеҷ як нарх барои ӯ аз ҳад зиёд бузург набуд. Хизмати ӯ натиҷаи эҳсосоти амиқи рӯҳонӣ буд. Ӯ пур аз ҷуръат ва бебокии пок буд. Барои ӯ муҳим набуд, ки зинда мемонад ва ё мемурад, вале он муҳим буд, ки хости Худо иҷро шавад ва одамон Хушхабарро шунаванд. Ҳамаи амалҳои ӯ беғаразона буданд. Ӯ

қабул карданро не, ато карданро афзал медонист. Мушкилиҳо ӯро ба ҳарос намеоварданд. Ӯ он чиро, ки мавъиза мекард, дар зиндагӣ амалӣ мегардонид.

**20,18-19** Расул ба пирони Эфесус хотиррасон кард, ки ӯ *чӣ гуна* зиндагӣ мекард, вақте ки бо онҳо буд. *Аз рӯзи аввали дар Осиё* будан ва ҳамеша, то он даме ки дар он ҷо буд, ӯ *ба Худованд* бо камоли *фурӯтанӣ* ва фидокорона хизмат мекард. Дар вақти хизмати Павлус вазъиятҳое ба амал меомаданд, ки ӯро дар шиддати пуртаъсири доимӣ нигоҳ медоштанд; *ашкҳо,* ғамҳо ва озмоишҳо ҳам буданд. Ҳамеша *бо қасдҳои бади яҳудиён* ба таъқибот дучор мегашт. Ба ҳар ҳол, ба ҳамаи вазъиятҳои номусоид нигоҳ накарда хизмати ӯ мардона ва бебокона буд.

**20,20-21** *Павлус* аз Эфесусиён ҳеҷ чизро пинҳон надошт, чизеро ки метавонист ба зиндагонии рӯҳонии онҳо фоидаовар бошад. Ӯ *дар пеши тамоми мардум ва хона ба хона гашта мавъиза мекард,* ки ба ин ӯро муҳаббати Масеҳ водор мекард. Яъне ӯ ҷамъомадҳоро гоҳ-гоҳ намегузаронд, балки ҳар як имкониятро истифода мебурд, то ба инкишофи маънавии масеҳиён кӯмак кунад. Ба ҳама, новобаста ба миллат ё таҷрибаи динии пешина, муроҷиат намуда ӯ дар бораи зарурати *назди Худо тавба кардан дар ва ба Худованди мо Исои Масеҳ имон оварданро* мавъиза менамуд. Чунинанд ду ҳақиқати асосии Хушхабар. Дар ҳар як бозгашт сӯи Худо, агар он самимӣ бошад, ҳам *тавба* ва ҳам *имон* вуҷуд дорад. Инҳо ду тарафи Хушхабар мебошанд. Агар одам бояду шояд тавба накарда бошад, имони наҷотбахш номумкин аст. Аз ҷиҳати дигар, тавба беҳуда мебуд, агар пас аз он ба Писари Худо имон наоварад. *Тавба* – дигаргунӣ дар дили гунаҳкорест, ки ба ҳалокат маҳкумшуда буданашро мефаҳмад, ва дар назди доварии Худо сар хам мекунад. *Имон* – қарори ба Исои Масеҳ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда супоридани худ аст.

Дар аксари оятҳои Аҳди Нав гуфта мешавад, ки шарти ягонаи наҷот *имон* аст. Вале барои имон овардан тавба шарт аст. Одам чӣ гуна самимона ба Масеҳ чун Наҷотдиҳанда имон оварда метавонад, агар ӯ то ҳол дарк накарда бошад, ки ӯ ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ дорад? Дарки эҳтиёҷи худ, ки Рӯҳулқудс гунаҳкорро ба он меоварад, *тавба* мебошад.

**20,22-23** Расул дар гузашта дар бораи он ки ӯ дар байни эфесусиён чӣ гуна умр ба сар мебурд, хотиррасон намуда, акнун ба оянда назар андохта дар бораи азобҳое ки ӯро дар пеш аст, сухан меронад. *Рӯҳ* ӯро водор мекард, ки *ба Уршалим равад*. Ӯро ба он ҷо садои ботинӣ даъват мекард, ки ба он, эҳтимол, ӯ итоат накарда наметавонист. Ҳарчанд ба ӯ аниқ маълум набуд, ки ҳодисаҳо дар Уршалим чӣ тарз сурат мегиранд, ӯ медонист, *ки занҷирҳо ва азобҳо* насиби ӯ мегарданд. *Рӯҳулқудс дар ҳар шаҳр,* шояд бо забони пайғамбарон ё бевосита ба худи ӯ дар рӯъёи аз боло ато шуда, дар ин бора *шаҳодат додааст*.

**20,24** Ин пешгӯиро мулоҳиза карда Павлус чунин намеҳисобид, ки хатари ба *ҳаёти ӯ* таҳдид мекардаро ба эътибор гирифтан лозим аст. Мақсади ӯ – ба Худо итоат кардан ва ба Ӯ мақбул будан буд. Агар барои иҷроиши ин мақсад *ҳаёти* худро ба қурбонӣ овардан талаб карда шавад, ӯ барои инро кардан тайёр буд. Чунин фидокорие набуд, ки ӯ барои Оне ки бахри ӯ мурд, намекарда бошад. Барои ӯ аз ҳама муҳим *иҷро кардани вазифа* ва он *хизмате* мебошад, *ки Худованд Исо ба ӯ супурдааст, яъне шаҳодати Инҷили файзи Худоро* ба ҷо овардан. Моҳияти Инҷилеро, ки Павлус мавъиза мекард, бо ягон хел суханҳои дигар беҳтар баён кардан мумкин нест: *Инҷили файзи Худо*. Ин хабари ҳайратангез дар бораи марҳамати Худо нисбати гунаҳкорони осӣ ва ҷинояткор мебошад, ки танҳо ҷовидона дар дӯзах буданро сазоворанд. Ин хабарест дар бораи он ки чӣ тавр Писари дӯстдоштаи Худо аз осмонҳои пурҷило, ки дар он ҷо волотарин саодат ҳукмрон аст, фаромад, то ки азоб кашад, хуни Худро резад ва дар Ҷолҷолто бимирад, то касоне ки ки ба Ӯ имон меоваранд, бахшидашавии гуноҳҳо ва зиндагии абадиро дарёфт карда тавонанд.

**20,25-27** Павлус боварӣ дошт, ки ӯ бародарони дӯстдоштаи Эфесусии худро ҳеҷ гоҳ намебинад, вале виҷдони ӯ дар назди онҳо пок буд, зеро ӯ медонист, ки ҳеҷ як фурсатро *аз даст надодааст, то* ба онҳо *тамоми нақшаи Худоро* фаҳмонад. Ӯ ба онҳо на танҳо асосҳои Хушхабарро, балки тамоми ҳақиқати барои ҳаёти тақводорона зарурро таълим медод.

**20,28** Азбаски бо ин пирон дар замин бори дигар вохӯрдани ӯ насиб набуд, ӯ ба зиммаи онҳо вазифаи поки пеш аз ҳама *назорат*

*намудани* ҳолати рӯҳонии худашонро супурд. Танҳо дар муносибат бо Худованд зиста, онҳо метавонистанд роҳбари маънавии *ҷамоат* гарданд.

Чун пирон онҳо бояд *нигаҳбони тамоми рамае бошанд, ки Рӯҳулқудс* онҳоро *барои назорат кардани он вогузоштааст.* Чунон ки дар боло зикр гардид, назоратчиён дар Аҳди Нав ҳамчунин усқуфҳо, пирон ва шубонон номида мешаванд. Дар ин оят гуфта мешавад, ки пирон аз тарафи ҷамоати маҳаллӣ таъйин карда намешаванд ва интихоб карда намешаванд. Онҳоро *Рӯҳулқудс* нозир гузоштааст ва инро бояд ҳамаи масеҳиёне ки онҳо дар байнашон кор мекунанд, эътироф кунанд.

Ба ғайр аз ин, онҳо бояд *ҷамоати Худоро чӯпонӣ кунанд.* Аҳамияти ин вазифа дар ин суханҳо таъкид карда мешавад: «... *ки онро Ӯ бо Хуни Худ харидааст*». Ифодаи охирин сабаби баҳсу мунозираҳои зиёд дар байни таъбиркунандагон гардидааст. Мушкилӣ дар ин суханон буд, ки *Худо Хуни Худро* рехт. Вале Худо Рӯҳ аст (яъне моҳияти ғайримоддиро дорад). *Хуни Худро* Худованд Исо рехт ва ҳарчанд Исо Худо бошад ҳам, ба ҳар ҳол дар ҳеҷ ҷои Навиштаи Муқаддас гуфта нашудааст, ки *Худо* азоб кашид ва мурд.

Дар аксари дастнависҳои қадима навишта шудааст: «Ҷамоати Худованд ва Худо, ки Ӯ бо хуни Худ харид». Аз ин суханҳо бармеояд, ки хуни Худро рехтагӣ Шахсияти дуюми илоҳӣ (Худованд) буд.

Тарҷумаи Навиштаи Муқаддаси Ҷ. Н. Дарбӣ, шояд, ба моҳияти аслии ин порча аз ҳама наздиктар аст, ки ин матлабро бо суханҳои зерин ифода кардааст: «Ҷамоати Худо, ки Ӯ бо хуни мансуби Худ харид». Худо дар ин ҷо фидиягузори Ҷамоат нишон дода шудааст, ки ин наҷотро бо хуни Писари Худ, Худованд Исои муборак ба амал овардааст.

**20,29-30** Павлус хуб *медонист, ки пас аз рафтани* вай ҷамоат ба ҳамлаҳо аз берун ва дарун дучор мегардад. Муаллимони дурӯғин, *гургони* ҷомаи гӯсфанд пӯшида рамаро бераҳмона азият хоҳанд дод. Ва дар даруни худи ҷамоат одамон дар талош барои мартабаи баланд ҳақиқатро вайрон карда, *шогирдонро аз ақиби худ кашида* бурданӣ хоҳанд шуд.

**20,31** Аз сабаби таҳдиди ин хатарҳо пирон бояд ҳушёр бошанд ва ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки чӣ тавр Павлус *се сол* онҳоро *рӯзу шаб ашк рехта* пешакӣ огоҳ мекард.

**20,32** Акнун Павлус метавонист онҳоро танҳо *ба Худо ва ба каломи файзи Ӯ супорад.* Дониста бошед, ки ӯ онҳоро на ба дасти одамони дигар, шогирдони тахминии расулон, *месупурд.* Ӯ онҳоро *ба Худо ва* ба Навиштаи Муқаддас месупурд. Ин шаҳодати эътимодбахши кифоя будани Навиштаи дорои илҳоми илоҳӣ аст. Маҳз он *метавонад* масеҳиёнро *обод гардонад* ва *дар миёни ҳамаи муқаддасон* ба онҳо *меросе бахшад.*

**20,33-35** Дар охири нутқи худ расул Павлус боз як бори дигар ба мисоли зиндагонии шахсии худ ва хизмати худ баргашт. Бевиҷдонӣ накарда, ӯ метавонист *гӯяд, ки аз касе на нуқра ё тилло* талабидааст*, на либос.* Ӯро на хоҳиши беҳтар кардани аҳволи моддии худ ба меҳнат ба номи Худо водор мекард. Аслан, аз ҷиҳати моддӣ ӯ камбағал буд, вале муносибат бо Худо ӯро бой гардонида буд. *Дастҳояшро* ба онҳо дароз карда, ӯ метавонист ба онҳо хотиррасон кунад, ки ин *дастҳо* хеле кор кардаанд, то ки эҳтиёҷҳои худи ӯ ва *ҳамроҳонашро* таъмин кунанд. Беш аз он, ӯ хайма тайёр карда кор мекард, то ба *нотавонон* – беморон, *нотавонони* маънавӣ ва рӯҳӣ имконияти ёрӣ додан дошта бошад. Пирон бояд инро дар хотир дошта бошанд ва дар ҳама кор пеш аз ҳама дар бораи хушии дигарон ғамхорӣ намуда, *суханони Худованд Исоро* ба ёд оваранд: «*Додан аз гирифтан беҳтар аст*». Шоёни диққат аст, ки ин суханони Худованди мо дар ҳеҷ як Инҷил нестанд. Онҳо дар ҳақиқат моҳияти таълимоти Ӯ мебошанд, вале дар ин ҷо чун иловаи дорои илҳоми илоҳӣ ба суханони Ӯ дар Инҷил оварда мешаванд.

**20,36-38** Дар охири мавъизаи худ Павлус ба замин *зону зада* бо пирон *дуо гуфт.* Барои онҳо ин лаҳзаи андӯҳи беҳад буд. Онҳо Павлусро *оғӯш кашида* ва *ӯро бӯсида* дилбастагии худро ба расули дӯстдоштаи худ зоҳир намуданд. Алалхусус онҳоро он чиз ғамгин намуд, ки Павлус ба онҳо гуфт, *онҳо рӯи* ӯро *дигар намебинанд. Онҳо* дилу бедилон *ӯро то киштӣ гуселониданд,* ва бо он ӯ ба Уршалим раҳсипор шуд.

**21,1-4а** Пас аз хайрухуши риққатовар ва пур аз муҳаббат дар Милитус Павлус ва ҳамроҳонаш ба ҷазираи *КОС* расиданд ва дар он ҷо шабро гузарониданд. *рӯзи дигар* онҳо

роҳи худро ба ҷанубу шарқ ба ҷазираи *РУДУС* давом доданд. Аз канори шимолии ҷазира шино карда, онҳо ба шарқ *ба ПОТАРО* – бандари бахрии Ликия, ки дар соҳили ҷанубии Осиёи Хурд воқеъ аст, равона шуданд. Дар *Потаро* онҳо ба *киштии ба Финиқия* равонашаванда савор шуданд, ки вилояти наздисоҳилии *Сурия* буда, минтақаи камбари қад-қади баҳр тул мекашид ва яке аз шаҳрҳои асоситаринаш *Сур* буд. Баҳри Миёназаминро дар самти ҷанубӣ-шарқӣ бурида гузашта, онҳо канори ҷанубии ҷазираи *Қиприсро* давр заданд, дар ҳоле ки он дар *тарафи чап* буд. Бандари якуми таъйиншуда дар материк, дар Фаластин *СУР* буд. Азбаски дар он ҷо *бояд, бори киштиро мефуровардан*д, Павлус бо ҳамроҳонаш назди масеҳиёни маҳаллӣ меҳмон шуданд ва бо онҳо *ҳафт рӯз истоданд*.

**21,4б** Маҳз ҳамон вақт ин масеҳиён *бо илҳоми Рӯҳ ба Павлус гуфтанд,* ки ӯ набояд *ба Уршалим равад*. Ин аз нав саволи пешинаро мебардорад: оё омадани *Павлус ба Уршалим* саркашии бошуурона буд; мақсади Худовандро пешакӣ фаҳмида натавониста, ӯ инро беихтиёр кард, ё ба он ҷо равона шуда, мувофиқи хости Худо рафтор кард? Дар вақти диққат накарда хондани ояти 4 мумкин аст чунин намояд, ки расул ошкоро ба Рӯҳ итоат накард, зеро худсар ва якрав буд. Вале дар вақти бодиққаттар хондан равшан мегардад, ки *Павлус* дар ҳақиқат намедонист, ки ин огоҳӣ аз *Рӯҳ* баромадааст. Луқо, чун таърихшинос, ба хонандагон хабар медиҳад, ки маслиҳати шогирдони Сур ваҳйи илоҳӣ дошт, вале ӯ намегӯяд, ки расул дар ин бора медонист. Бештар чунин намуданаш мумкин, ки *Павлус* ин маслиҳати дӯстонро хоҳиши наҷот додани ӯ аз азоби ҷисмонӣ ё ҳатто марг шарҳ дод. Ӯ ҳамқавмҳои яҳудии худро дӯст дошта, бехатарии шахсии худро ба эътибор гирифтанро муҳим намешумурд.

**21,5-6** Вақте ки *ин ҳафт рӯз* гузашт, ҳамаи масеҳиёни Сур барои гуселондани миссионерон ба соҳил баромаданд, ки дар бораи муҳаббати масеҳиёнаи онҳо шаҳодати равшан мебошад. Баъд аз дуо ва хайрухуши риққатовар *киштӣ* аз бандар дур шуд ва одамони дар соҳил буда *ба хонаҳои худ баргаштанд*.

**21,7** Истгоҳи навбатӣ *ПАТУЛАМОИС* буд, бандари баҳрии тахминан чил километр ҷанубтар аз Сур, ки ҳозир чун шаҳри Акко машҳур аст, дар назди Ҳайфа. Он ба шарафи ҳокими Миср Патуламоис номида шуда буд. Истгоҳи якрӯза ба ходимони Худо имконияти *бо бародарони* маҳаллӣ мулоқот карданро дод.

**21,8** *Рӯзи дигар* давраи охирини сафари баҳрии онҳо сар шуд – онҳо боз тахминан панҷоҳу чор километр ҷанубтар *ба ҚАЙСАРИЯ,* ки дар водии Шорӯн воқеъ буд, рафтанд. Дар он ҷо онҳо *дар хонаи Филиппуси башоратдиҳанда* (бо расули чунин ном дошта омехта кардан лозим нест) манзил гирифтанд. Ин ҳамон *Филиппус* мебошад, ки ҷамоати Уршалим ӯро диакон интихоб карда буд ва дар Сомара Хушхабарро расонд. Насиҳатҳои ӯ ба наҷот ёфтани хоҷасарои ҳабашӣ мусоидат кард.

**21,9** Филиппус *чор духтари бокира дошт, ки пайғамбарӣ мекарданд*. Ин онро ифода мекунад, ки Рӯҳулқудс ба онҳо қобилияти бевосита аз Худованд қабул карда ба дигарон расонидани паёмҳоро ато кардааст. Баъзеҳо аз ин хулоса мебароранд, ки занҳо ба мавъиза кардан ва таълим додан дар ҷамоат ҳақ доранд. Вале азбаски дар Навишта *аниқ* гуфта шудааст, ки ба мардон дар ҷамоат мавъиза кардан, сухан кардан ё ҳукмронӣ кардани занҳо *манъ карда шудааст* (1Қур. 14,34.35; 1Тим. 2,11.12), аз ин ҷо хулосаи ягонае баровардан мумкин аст: хизмати пайғамбарии ин *чор духтари бокира* дар хона ё дар ҷамъомадҳои берун аз ҷамоат ба амал оварда мешуд.

**21,10-11** Вақте ки Павлус ба Қайсария расид, *аз Яҳудия Оғобус ном пайғамбаре омад*. Ин худи ҳамон *пайғамбаре* буд, ки аз Уршалим ба Антокия омада қаҳтии дар давраи ҳукмронии Клавдиюс шударо пешгӯӣ кард (Аъм. 11,28). Акнун ӯ *камарбанди Павлусро гирифт ва дастҳову пойҳои худро баст*. Вай ба монанди аксари дигар пайғамбарони то замони худ на танҳо пешгӯияшро баён мекард, балки онро дар амал нишон медод. Сипас вай маънои амалҳои худро шарҳ дод. Ба ҳамин тариқ, чӣ тарзе ки ӯ *дастҳову пойҳои* худро *баст,* ҳамин тарз яҳудиён дар *Уршалим* Павлусро *баста, ба дасти* ҳокимони *ғайрияҳудӣ месупоранд*. Хизмати Павлус ба яҳудиён *(камарбанд* тимсоли он буд) ба он оварда мерасонад, ки худи онҳо ӯро дастгир мекунанд.

**21,12-14** *Вақте ки* ҳамроҳони расул ва масеҳиёни Қайсария инро шуниданд, онҳо *илтимос карданд, ки ӯ ба Уршалим наравад*. Вале Павлус ба ташвиши онҳо ҳамфикр набуд.

Ашки онҳо *дили* ӯро мешикаст. Оё тарси занҷиру зиндон метавонист ӯро аз амалӣ намудани он чи ӯ хости Худо меҳисобид, нигоҳ дорад? Онҳо бояд медонистанд, ки ӯ *тайёр аст на танҳо бандӣ шавад, балки дар Уршалим ба хотири номи Исои Худованд бимирад.* Ҳамаи боваркунониҳо беҳуда буданд. Ӯ ба қарори қатъӣ омад, ки меравад ва бинобар ин чунин гуфт: *«Он чи хости Худованд аст, шавад»*.

Бовар кардан мушкил аст, ки суханҳои дар вақти хайрухуш гуфтаи Павлусро одаме гуфт, ки ба роҳнамоии Рӯҳулқудс дидаву дониста итоат накард. Мо медонем, ки шогирдон дар Сур бо илҳоми Рӯҳ пешгӯӣ карданд, ки ба Уршалим рафтани ӯ лозим нест (ояти 4). Вале *оё* Павлус *медонист,* ки онҳо бо илҳоми Рӯҳ гап мезаданд? Ва оё чунин наменамояд, ки Худованд роҳи ӯро ба Уршалим маъқул донист, ҳангоме ки гуфт: «Хотирҷамъ бош, Павлус, ва чунон ки дар Уршалим дар ҳаққи Ман шаҳодат додӣ, дар Рум низ бояд ончунон шаҳодат диҳӣ» (Аъм. 23,11)? Ду чиз равшан ҳастанд: аввалан, ба Худованд хизмат карда, Павлус бо андешаи бехатарии шахсӣ амал намекард. Дуюм ин ки Худованд ҳодисаҳоро чунон равона мекард, ки онҳо баҳри шуҳрати ӯ хизмат кунанд.

**21,15-16** Барои аз Қайсария *ба Уршалим* расидан аз хушкӣ ҳаштод километр роҳро пай намудан лозим буд – барои он давра ин роҳи дуру дароз буд. Шумораи ҳамроҳони расул зиёд шуд, чунки ба онҳо *баъзе аз шогирдони Қайсария,* ва низ *Маносун* ном бародари масеҳӣ ҳамроҳ шуданд. Маносун *аз аҳли Қиприс буда,* дар он ҷо яке аз аввалин масеҳиён буд. Акнун ӯ дар *Уршалим* зиндагӣ мекард ва ҳангоми бори охирин ба *Уршалим* омадани Павлус шарафи дар хонаи худ қабул кардани расул ва ҳамроҳони ӯ насиби ӯ гардид.

Бо омадани Павлус ба *Уршалим* асосан сафарҳои миссионерии ӯ ба охир мерасанд. Қисми боқимондаи китоби Аъмол дар бораи ҳабси ӯ, мурофиаи ӯ, роҳ ба Рум, доварӣ ва зиндонӣ шуданаш дар он ҷо қисса мекунад.

**21,17-18** Вақте ки ба *Уршалим* расиданд, расул ва рафиқонашро *бародарон* бо хурсандӣ қабул карданд. Рӯзи дигар *бо Яъқуб ва ҳамаи пирон* вохӯрӣ ташкил карданд. Аниқ гуфта намешавад, кадом *Яъқуб* дар ин ҷо номбар шудааст. Мумкин, ин бародари Худованди мо буд, ё писари Ҳалфой ё шахси дигари чунин ном дошта буд. Аз ҳама дурусташ аввалинаш мебошад.

**21,19-20** Павлус маҷлисро кушода, он чиро, ки Худо ба воситаи хизмати ӯ дар миёни ғайрияҳудиён ба амал оварда буд, муфассал нақл кард. Нақли ӯ шодии зиёде ба амал овард.

**21,21-22** Вале бародарони яҳудӣ дар ҳавотир буданд. Дар шаҳр овоза паҳн шуда буд, ки расул Павлус ба муқобили Мусо ва шариат мавъиза мекунад ва таълим медиҳад. Ин дар Уршалим бесарусомониҳо ба амал оварда метавонист.

Моҳияти айбномаи ба муқобили Павлус баровардашуда аз он иборат буд, ки ӯ *ҳамаи яҳудиёни* дар дигар заминҳо зиндагӣ мекардаро таълим медод, ки *аз Мусо дур шаванд,* ба онҳо *мегуфт, ки писарони худро хатна накунанд ва аз рӯи урфу одати* яҳудиён *рафтор накунанд.* Оё Павлус дар ҳақиқат инро таълим медод?

Ӯ дар ҳақиқат мавъиза мекард, ки Масеҳ охири шариат аст, барои росткории ҳар як имондор. Ӯ дар ҳақиқат таълим медод, ки ҳамин ки ба зиндагонии яҳудии имондор Масеҳ ворид мешавад, шариат ба ӯ дахл надорад. Ӯ тасдиқ мекард, агар одам хатнаро барои сафед кардани худ қабул карда бошад, ӯ худро аз имконияти дар Исои Масеҳ наҷот ёфтан маҳрум мекунад. Ӯ таълим медод, ки баъд аз омадани Масеҳ ба рамзҳо ва суробҳои шариат баргаштан Ӯро таҳқир мекунад. Инро ба эътибор гирифта, фаҳмидан душвор нест, чаро яҳудиён дар бораи ӯ маҷбур буданд ҳамон тавре фикр кунанд, ки фикр мекарданд.

**21,23-24** Вале бародарони яҳудӣ дар Уршалим нақшае доштанд, ки ба фикри онҳо, ҳамдиёронашонро ба ҳам оштӣ медиҳад – ҳам наҷотёфтагонро ва ҳам наҷотнаёфтагонро. Онҳо ба Павлус пешниҳод намуданд, ки бо оини яҳудӣ *назр* диҳад. *Чор нафар* аллакай онро иҷро карда буданд. Павлус бояд ба онҳо ҳамроҳ шавад, бо онҳо таҳорат намояд ва *харҷашонро* ба гардан гирад.

Ф. В. Грант шарҳ медиҳад:

*Бигзор ӯ ин чор нафарро, ки бо вуҷуди масеҳӣ буданашон, худро бо назри назирӣ алоқаманд карда тавонистанд, бигирад ва дар парастишгоҳ бо онҳо таҳорат карда хароҷоти ба ин таҳорат вобастаро ба гардан бигирад: ва ҳамаи инро бигузор дар назди мардум ба ҷо*

*оварад, то ки ҳама муносибати ӯро ба шариат аниқ дида тавонанд.*[71]

Мо аниқ намедонем, ки ин *назр* аз чӣ иборат буд. Ҷузъиёти он зери ғубори ноаёнӣ мондааст. Ба мо басанда аст донем, ки он *назри яҳудӣ* буд, ва агар яҳудиён медиданд, ки чӣ тавр расул маросими бо он алоқамандро ба ҷо меоварад, бешубҳа, боварӣ ҳосил мекарданд, ки ӯ дигаронро аз *шариати* Мусо дур намекард. Ин бояд шаҳодат медод, ки худи расул *шариатро* риоя мекунад.

Амали расул, ки ба додани *назри* яҳудӣ розӣ шуд, ҳам дуруст шумурда мешуд ва ҳам танқид карда мешуд. *Ба тарафдории* Павлус гуфта мешуд, ки ӯ мувофиқи принсипҳои шахсии худ амал мекард: барои ҳама кас ҳама чиз шудан, то ин ки ҳеҷ набошад баъзе касонро наҷот диҳад (1Қур. 9,19-23). Аз тарафи дигар, Павлус ба зери танқид гирифта мешавад, барои он ки дар кӯшиши ба худ ҷалб кардани яҳудиён аз ҳад гузашта, таассуроти риояи шариатро ба вуҷуд овард. Дигар хел карда гӯем, Павлусро дар мухолифат ба суханони худаш айбдор мекарданд, ки масеҳӣ ба шариат эҳтиёҷ надорад – на барои сафед шудан, на барои роҳбарӣ дар зиндагӣ (Ғал. 1 ва 2). Мо моил ҳастем ба ин танқид розӣ шавем, вале чунин меҳисобем, ки ҳангоми баҳо додан ба далелҳое ки расул ба сифати дастур қабул кардааст, хеле боэҳтиёт будан зарур аст.

**21,25** Бародарон аз Уршалим Павлусро бовар кунониданд, ки ба риояи ягон хел қоида маҷбур кардани имондорони *ғайрияҳудиро* зарур намеҳисобанд ба ғайр аз қоидаҳое ки дар машварат дар Уршалим пешниҳод шуда буданд ва маҳз: *ғайрияҳудиён* бояд аз *қурбониҳои бутҳо, аз хун, аз гӯшти ҳайвонҳои хафашуда ва аз фосиқӣ парҳез намоянд.*

**21,26** Имрӯз маънии амали *Павлус* ба мо равшан нест. Аксари тафсирдиҳандагон инро назри назирӣ меҳисобанд. Вале агар ҳамин тавр ҳам бошад, мо хоҳ-нохоҳ мазмуни давраҳои гуногуни маросими дар ин порча тасвирёфтаро намефаҳмем.

## Ё. Ҳабси Павлус ва мурофиаҳои ӯ (21,27–26,32)

**21,27-29** *Вақте ки ҳафт рӯзи* назр аллакай *ба охир мерасид,* маълум гашт, ки кӯшиши осуда кардани *яҳудиён* беҳуда будааст. Вақте ки баъзе *яҳудиёни* беимони *аҳли вилояти Осиё* ӯро *дар ибодатгоҳ* диданд, тамоми мардумро ба муқобили ӯ *ба шӯр оварданд.* Онҳо Павлусро на танҳо дар он айбдор мекарданд, ки таълимоти ӯ *ба шариат* мухолифат мекунад ва ба муқобили *халқи* яҳудӣ равона карда шудааст, балки дар он низ, ки ӯ ғайрияҳудиёнро ба ҳавлии дарунӣ дароварда, *ибодатгоҳро ҳаром кардааст.* Дар ҳақиқат бошад чунин ҳолат рух дода буд: *пеш аз ин онҳо Трофимусро бо Павлус дар шаҳр дида буданд.* Трофимус ғайрияҳудии эфесусии ба масеҳият рӯ оварда буд. Азбаски онҳо ҳар дуяшонро якҷоя дида буданд, *гумон карданд, ки Павлус* дӯсти худ – ғайрияҳудиро *ба* ҳавлии дарунии *ибодатгоҳ* овардааст.

**21,30-35** Ҳарчанд аён буд, ки айбнома дурӯғ аст, он таъсир кард. *Тамоми шаҳрро* ошӯб фаро гирифт. Мардум *Павлусро дастгир карда аз ибодатгоҳ берун бароварданд* ва дарҳол дарҳоро бастанд. Онҳо ба ин ҳам қаноат накарда, мехостанд ӯро кушанд. Ин *хабар* то ба хилиарх – *мириҳазор,* сардори *сипоҳи* қалъаи Антоний расид. Вай дарҳол бо якчанд *сарбозони* худ ба он ҷо шитофт,

Павлусро аз дасти издиҳоми бағазабомада кашида гирифта, *бо ду занҷир баста* пурсид, ки *ӯ кист ва чӣ гуноҳе кардааст.* Мардум, албатта, номураттаб ва бе сару нӯг ҷавоб медоданд. *Баъзеҳо як чиз ва баъзеҳо чизи дигар мегуфтанд.* Ба ҳамин тариқ ҳеҷ чизро нафаҳмида, мириҳазор ба сарбозон *фармон дод,* ки бандиро *ба қалъа* баранд, дар он ҷо ӯ муайян мекунад, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст. *Халқ,* ки бо як қатъият ба пеш рафт, ба иҷро кардани ин фармон халал мерасонд ва *сарбозон маҷбур шуданд* Павлусро *бардошта* болои зинапоя баранд.

**21,36** Боло баромада истода онҳо суханони фарёд зада мегуфтаи мардумро мешуниданд, суханоне ки эҳтимол, баъзе аз онҳо пеш аз ин ҳам шунида буданд: *«Ӯро кушед».*

**21,37-39** Дар он лаҳза, ки онҳо мехостанд *Павлусро ба қалъа* баранд, Павлус аз *мириҳазор* хоҳиш кард, ки иҷозат диҳад ба ӯ *гап занад. Ӯ ба юнонӣ* сухан рондани *Павлусро* шунида ҳайрон шуд. Ӯ, эҳтимол, гумон кард, ки *мисриеро, ки шӯрише барангехта чор ҳазор одамкушро бо худ ба биёбон бурд,* ҳабс кардааст. Павлус дарҳол ӯро бовар кунонд, ки ӯ *яҳудист,* аз Тарсус, *табааи Киликия, ки шаҳри*

*машҳур аст.* Ин шаҳр чун маркази маданият, маориф ва савдо дар давраи қайсар Августус «шаҳри озод» эълон шуда буд. Расул бо бебокии ба худ хос хоҳиш кард, то ба ӯ иҷозат диҳад *ба мардум сухане гӯяд.*

**21,40** Иҷозат дода шуд ва *Павлус дар болои зина истода* дар иҳотаи сарбозони румӣ мардумро бо *даст* ором кард. Ҳамон қадаре ки доду фарёди мардум то он дам бошиддат буд, ба ҳамон андоза *хомӯшии том* фаро расид. Акнун Павлус метавонист дар Уршалим ба яҳудиён шаҳодат диҳад.

Дар зери истилоҳи *«забони ибронӣ»* дар ин ҷо, эҳтимол, забони арамӣ дар назар дошта шудааст (ба яҳудии қадима наздик), ки дар он замонҳо яҳудиён бо он гап мезаданд.

**22,1-2** Расул ба мардуми яҳудӣ ба забони арамӣ муроҷиат карда, бохирадона рафтор кард. Забони модарии худро *шунида,* онҳо ба тарзи аҷиб ҳайрон шуданд, доду фарёдашон ба ҳар ҳол ба як муддате ором шуд.

**22,3-5** Дар аввал Павлус дар бораи насабаш нақл кард: дар бораи он ки ӯ *яҳудиест, ки дар Тарсуси Киликия таваллуд шудааст* ва *дар хизмати Ҷамлиил,* муаллими машҳури шариат, тарбият ёфта, дини яҳудиро *омӯхтааст.* Ӯ махсус онро зикр кард, ки яҳудии боэҳтимом буд. Ӯ масеҳиёнро *ба зиндон* партофта, имони Масеҳиро *таъқиб мекард. Саркоҳин* ва шурои пирон метавонистанд *шаҳодат диҳанд,* ки бо чӣ гуна ҷидду ҷаҳд ва ҷиддият ӯ ин корро мекард. Маҳз *аз* онҳо ӯ *нома* гирифт, то *ба Димишқ* рафта, масеҳиёни он ҷоро *барои ҷазо ба Уршалим* оварад.

**22,6-8** То ба ҳол яҳудиён метавонистанд ҳама чизеро ки Павлус мегуфт, фаҳманд ва агар онҳо худашон дар худ пок мебуданд, пас бо он ки ҳамаи ин рост аст, бояд розӣ мешуданд. Акнун расул ба онҳо дар бораи он ҳодисае ки пурра ҳаёти ӯро дигаргун сохт, нақл карданӣ буд. Онҳо бояд худашон ҳал мекарданд, ки оё ин бо хости Худо ба амал омад.

Вақте ки Павлус *ба Димишқ наздик меомад, нури бузурге аз осмон гирди* ӯ *дурахшид.* Дар ин ҷо бори аввал зикр карда мешавад, ки ин *тахминан нисфирӯзӣ* рӯй дод – яъне ин *нур* тобонтар ва дурахшонтар аз офтоб дар вақти қиём буд. Ба замин афтода, бо қувваи *нур* моту мабҳут шуда таъқибкунанда *овозеро* аз осмон шунид, ки *мегуфт: «Шоул, Шоул! Барои чӣ маро таъқиб мекунӣ?»* Пурсида, ӯ фаҳмид, ки аз осмон бо ӯ *Исои Носирӣ* гап мезад. Носирӣ аз мурдагон зинда шуда, дар осмонҳо ҷалол ёфта буд.

**22,9** Одамоне ки ҳамроҳи Павлус буданд, *нурро диданд* ва *садоро шуниданд* (9,7) вале калимаҳоро фаҳмида наметавонистанд. Аниқтар гӯем, онҳо ғулғуларо шуниданд, на нутқро.

**22,10-11** Пас аз суҳбат бо Худованди ҳаёт ва ҷалол Павлус рӯҳ, ҷон ва тани худро ба Наҷотдиҳанда супурд. Дар ин бора саволи ӯ шаҳодат медиҳад: *«Худовандо! Чӣ кунам?»* Худованд вайро *ба Димишқ* равона кард ва *дар он ҷо* ӯ бояд дастур мегирифт. Павлуси аз дурахши шуҳрати Масеҳ нобиношударо *аз дасташ гирифта* ба шаҳр *бурданд.*

**22,12** Дар Димишқ ба назди ӯ *Ҳанониё* омад. Павлус ба шунавандагони худ, яҳудиён, ӯро чун *марди худотарс аз рӯи шариат,* дар *миёни ҳамаи яҳудиёни сокини Димишқ некном* тасвир намудааст. Шаҳодати чунин одам тасдиқи муҳими қисса дар бораи ба Худованд имон овардани Павлус мебошад.

**22,13** Павлусро *бародар Шоул* номида, Ҳанониё фармон дод, ки *бино шавад.* Ҳамон дам бори аввал Павлус *ӯро дид.*

**22,14-16** Мо дар оятҳои 14-16 бори аввал мефаҳмем, ки Ҳанониё ба Павлус чӣ гуфт:

*Худои падарони мо туро аз пеш таъйин кардааст, то хости Ӯро донӣ ва он Росткорро бинӣ ва аз забонаш сухане бишнавӣ, чунки аз он чи дидаӣ ва шунидаӣ, пеши тамоми мардум шоҳиди Ӯ мешавӣ; Пас, чаро интизор ҳастӣ? Бархез ва таъмид гир ва номи Худовандро хонда, аз гуноҳҳои худ пок шав.*

Дар ин оятҳо якчанд лаҳзаҳои муҳимро зикр кардан зарур аст. Аввалан, Ҳанониё исрор мекунад, ки ҳодисаҳо дар роҳ ба Димишқ бо хости *Худои падарони мо* рӯй дод. Барои яҳудиён мухолифат кардан ба он чи рӯй дод, ба Худо мухолифат карданро ифода мекунад. Сониян, Ҳанониё ба Павлус гуфт, ки ӯ *дар пеши тамоми мардум шоҳиди* Худованд хоҳад шуд. Ин бояд шунавандагон – яҳудиёнро ба хабари Павлус дар бораи он ки ӯ ба назди ғайрияҳудиён фиристода шуда буд, тайёр мекард. Дар охир, ба Павлус гуфта шуд, ки *бархезад, таъмид* бигирад ва аз *гуноҳҳои* худ *пок шавад.*

Ояти 16 барои таълими зодашавӣ аз олами боло ҳангоми таъмид гирифтан нодуруст

истифода мешавад. Эҳтимол, ин оят ба Павлус танҳо чун ба яҳудие дахл дорад, ки бояд барои ҷудо шудан аз халқе ки Масеҳро рад кард, таъмиди обӣ мегирифт (ниг. шарҳ ба Аъм. 2,38).

Ҳалли аз ҳама одӣ аз таркиби грамматикии нусхаи асл бармеояд. Дар баъзе тарҷумаҳо чор вазифаи номбаршуда дар сатҳи баробар меистанд. Дар матни юнонӣ дар ҳар як нимаи ҷумла феъли тасрифӣ истодааст, ки бо сифати феълӣ муайян карда мешавад, яъне ду вазифаи аввал ва ду вазифаи охир ҷуфтро ташкил медиҳанд. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ чунин садо медод: «Бархеста таъмид гир ва номи Худовандро хонда, аз гуноҳҳои худ пок шав!» Ҳамин шакли ибора бо таълимоти умумии Навиштаи Муқаддас тасдиқ мешавад (муқоиса кунед Юил 2,32, Аъм. 2,21; Рум. 10,13).

**22,17-21** Мо аз ин оятҳо бори аввал дар бораи он мефаҳмем, ки ҳангоме ташрифи аввалини ӯ ба Уршалим баъди имон овардан аллакай ба охир мерасид, бо Павлус чӣ ҳодиса рӯй дод. Вақте ки *дар ибодатгоҳ дуо мегуфт, ба ҳолати бехудӣ афтод ва* суханони Худовандро шунид, ки ба ӯ *шитоб намуда аз Уршалим зуд равона шуданро* фармон медод, чунки халқ *шаҳодати* ӯро дар бораи Масеҳ *қабул намекунанд.* Ба расул он аҷиб менамуд, ки халқи худаш ӯро шунидан намехоҳад. Охир онҳо медонистанд, ки ӯ пеш аз ин чӣ гуна яҳудии боэҳтимом буд; онро ҳамчунин медонистанд, ки чӣ хел ӯ шогирдони Исоро *ба зиндон меандохт* ва мезад ва шарики куштори *Истефанус* буд. Вале Худованд фармони худро такрор кард: *«Равона шав,* зеро *Ман туро ба ҷойҳои дур, сӯи ғайрияҳудиён мефиристам».*

**22,22-23** То ба ин ҷой яҳудиён Павлусро оромона гӯш мекарданд. Вале зикри мавъиза ба ғайрияҳудиён алангаи аз ҳад зиёди рашку адоватро ба вуҷуд овард. Мардум марги Павлусро талаб карда бо қаҳру ғазаб доду фарёд мезаданд.

**22,24-25** Вақте ки *мириҳазор* бехудии девонавори мардумро дид, ӯ ба хулосае омад, ки Павлус мумкин аст дар ягон ҷинояти ниҳоят ҷиддӣ гунаҳкор аст. Аз афташ, ӯ суханони Павлусро, ки ба забони арамӣ гап мезад, намефаҳмид, ва қарор дод бо шиканҷа ӯро иқрор кунонад. Бинобар ин ӯ *фармуд, ки ӯро ба қалъа даровarда* бо тасмаҳо баста *тозиёна заnанд.* Вақте ки ба тозиёна задан тайёрӣ медиданд, Павлус аз мирисад оромона пурсид, оё ба шумо ҷоиз аст, ки *шаҳрванди Румро, бе он ки маҳкум шуда бошад, тозиёна занед.* Охир пеш аз он ки гуноҳаш исбот шавад, *шаҳрванди Румро* завлона задан аз рӯи қонун набуд. Ӯро *тозиёна задан* бошад ҷинояти хеле вазнин буд.

**22,26** *Мирисад* дарҳол *назди мириҳазор рафта* маслиҳат дод, ки дар рафтор нисбат ба Павлус боэҳтиёт бошад, зеро ки *ин одам шаҳрванди Рум аст.*

**22,27-28** Инро фаҳмида, мириҳазор шитобон назди Павлус омад. Ӯро дар ин бора пурсида фаҳмид, ки расул дар ҳақиқат *шаҳрванди Рум* аст. Дар он давраҳо бо се роҳ шаҳрванди Рум шудан мумкин буд. Якум, шаҳрвандӣ бо фармони қайсар чун мукофот барои хизматҳо ва қаҳрамониҳо дода мешуд. Дуюм, *шаҳрванди Рум* зода шудан мумкин буд, чунон ки Павлус зода шудааст: ӯ дар Тарсус, шаҳри озоди империяи Рум, *ба дунё омад* ва падари ӯ *шаҳрванди Рум* буд. Ниҳоят, аксаран *бо маблағи калоне* шаҳрвандиро харидан мумкин буд. *Мириҳазор* ҳамин тавр *маблағи калон* дода, шаҳрвандиро харида буд.

**22,29** Хабари шаҳрванди *Рум* будани Павлус ҳароси ҳокимонро ба амал оварда, ба тозиёна задани ӯ монеа гардид.

**22,30** Шояд, мириҳазор мекӯшид *аниқ донад,* ки *барои чӣ яҳудиён Павлусро айбдор мекунанд.* Дар айни замон ӯ қатъӣ қарор дод, ки тафтишро муташаккилона ва дар чорчӯбаи қонун гузаронад. Бинобар ин рӯзи дигар баъд аз бетартибиҳои оммавӣ дар Уршалим ӯ фармон дод *Павлусро* аз зиндон *бароварда, ӯро дар назди сардорони коҳинон ва тамоми шуро ба по хезонананд.*

**23,1-2** Дар назди шурои пирон истода, *Павлус* баромади худро аз тасдиқи он сар кард, ки ҳамеша тамоми умр *бо виҷдони пок* зистааст. Инро шунида, *саркоҳин Ҳанониё* ба хашм омад. Бешубҳа, ӯ *Павлусро* аз дини яҳудӣ гашта ва хиёнатгар меҳисобид. Чӣ хел як шахси аз дини яҳудӣ рӯйгардонда ҷуръат кард чунин арз намояд? Бинобар ин *саркоҳин* фармуд бандиро *ба даҳонаш зананд.* Чунин фармон ба дараҷаи олӣ ноҳақ буд, зеро ки тафтиш танҳо акнун сар мешуд.

**23,3** *Павлус* қарздор намонда ба Ҳанониё ҷавоб дод, ки *Худо ӯро мезанад,* барои он ки ӯ ба *девори сафедшуда* монанд аст. Зоҳиран саркоҳин одил ва боинсоф менамуд, вале ҷони ӯ бо нуқсонҳо хӯрда шуда буд. Ӯ бар *хилофи*

*шариат* фармон дод, ки Павлусро *зананд,* дар он вақте ки ӯ бояд *аз рӯи шариат* доварӣ мекард.

**23,4** Ҳозирон аз таънаи нешдори расул ҳайрон шуда буданд. Оё ӯ медонист, ки бо *саркоҳин* гап мезанад?

**23,5** Бо як сабаби ба мо номаълум Павлус дар ҳақиқат намедонист, ки Ҳананиё *саркоҳин* аст. Шурои пирон шитобкорона даъват шуда буд ва эҳтимол, Ҳананиё он либосеро, ки мартабаи ӯро нишон медод, напӯшида буд. Ҳатто, эҳтимол, на дар он ҷое менишаст, ки одатан *саркоҳин* ишғол мекард. Ва мумкин сабабаш чашми хираи Павлус буд. Вале новобаста ба сабабҳо, *Павлус* сарвари ба таври қонунӣ таъйиншударо барқасд *бадгӯӣ* накардааст. Ӯ Хуруҷ 22,28-ро ба хотир оварда барои суханҳои худаш узр пурсид: «Ба раисе ки дар қавми туст, лаънат нагӯй».

**23,6** Расул аз рӯи суҳбат дар додгоҳ фаҳмид, ки дар байни *саддуқиён* ва *фарисиён* ҳамдигарфаҳмии пурра нест, бинобар ин қарор дод ихтилофи онҳоро зиёдтар кунад, ва изҳор кард, ки *фарисиест* ки барои имон ба *растохези мурдагон* муҳокима карда мешавад. *Саддуқиён,* албатта, *растохезро,* ва низ вуҷуд доштани фаришта ва рӯҳро рад мекарданд. *Фарисиён* бошанд бисёр муътақид буда, ба мавҷудияти ҳам ин ва ҳам он боварӣ доштанд (ниг. 23,8).

Павлусро барои он танқид мекунанд, ки ӯ бо мақсади ҷудо кардани шунавандагони худ ҳилаи дунявиро истифода бурд. «Мо аз эҳсосе наҷот ёфта наметавонем, – менависад А. Ҷ. Поллок, – ки Павлус ноҳақ буд, вақте ки худро фарисӣ эълон намуд ва ба ҳамин тариқ дар байни ду гурӯҳи рақобаткунандаи саддуқиён ва фарисиён низоъ барангехта, афзалияти стратегӣ ба даст овард».

**23,7-9** Рафтори Павлус дуруст буд ё не, суханони ӯ дар ҳақиқат *дар байни фарисиён ва саддуқиён баҳс* барангехт ва *ғавғои азиме* ба амал омад. Баъзе *китобдонони равияи фарисиён* Павлусро тарафдорӣ мекарданд, исбот мекарданд, ки ӯ гунаҳкор нест ва дар асл мегуфтанд: «Чӣ аҳамият дорад, ки *рӯҳ ё фаришта ба ӯ сухан гуфта бошад?»*

**23,10** Ихтилофи байни ин ду гурӯҳ чунон қувват гирифт, ки *мириҳазор* ба *сарбозон* фармуд, ки бандиро аз додгоҳ берун кунанд ва ба қалъа баргашта баранд.

**23,11** *Ҳамон шаб Худованд* Исо Худаш дар зиндон *ба Павлус* зоҳир шуд ва гуфт: *«Хотирҷамъ бош, Павлус, ва чунон ки дар Уршалим дар ҳаққи Ман шаҳодат додӣ, дар Рум низ бояд ончунон шаҳодат диҳӣ».* Ҷолиби диққат аст, ки *Худованд* шахсан Павлусро барои шаҳодати дуруст *дар Уршалим* таҳсин кард, – маҳз дар ҳамон порчае ки рафтори Павлус дар он тез-тез дучори танқид мешуд. Аз забони Наҷотдиҳанда ягон даҳон таъна ё сарзаниш шунида нашуд. Танҳо суханони таҳсин ва ваъда гуфта шуда буданд. Хизмати Павлус ҳоло ба охир нарасида буд. Чунон ки ӯ *дар Уршалим* содиқона хизмат кард, ӯ *дар Рум низ* бояд дар бораи Масеҳ *шаҳодат диҳад.*

**23,12-15** *Рӯзи* дигар *баъзе аз яҳудиён* ба куштани расул Павлус қасд карданд. *Зиёда аз чил* нафари онҳо ҳатто *қасам хӯрданд, ки то* ин фиребгарро *накушанд, чизе нахӯранд ва нанӯшанд.* Нақшаи суиқасд аз ин иборат буд: онҳо *ба назди саркоҳинон ва пирон* рафтанд ва гирд овардани шурои пиронро пешниҳод намуданд, то ки кори *Павлус* дақиқ тафтиш карда шавад. Шурои пирон аз *мириҳазор* овардани бандиро хоҳиш мекунад. Вале дар роҳ аз зиндон ба маҷлисгоҳ расулро *чил* роҳзан дар камингоҳ интизор мешаванд. Ҳамин ки Павлус ба онҳо *наздик* мешавад, онҳо ба ӯ ҳамла мекунанд ва *мекушанд.*

**23,16-19** Бо пешбинии Худо дар бораи суиқасд тасодуфан ҷияни расул шунид ва дар бораи он *ба Павлус* хабар дод. Ӯ қарор дод аз вазъият истифода барад, то ки бехатарии худро бо воситаҳои қонунӣ таъмин намояд, бинобар ин дар ин бора *ба яке аз мирисадҳо* хабар дод. Мирисад *ҷавонро* шахсан худаш *ба назди мириҳазор* бурд.

**23,20-21** Ҷияни Павлус дар бораи суиқасд батафсил нақл кард ва аз мириҳазор илтиҷо намуд, ки ба талаби *яҳудиён* оид ба назди онҳо овардани *Павлус* гӯш наандозад.

**23,22** Ин нақлро гӯш карда, *мириҳазор ҷавонро* иҷозати рафтан дод ва фармуд, ки ба ҳеҷ кас дар бораи воҳӯрии онҳо нагӯяд. Ӯ фаҳмид, ки бояд таъҷилан чораҳои қатъӣ бинад, то ки асири худро аз хашми таскиннопазири яҳудиён наҷот диҳад.

**23,23-25** Мириҳазор дарҳол *ду мирисадро даъват намуд* ва фармуд, ки дастаи ҳамроҳикунандаи ҳарбӣ тайёр намоянд, то ки расулро то *Қайсария* ҳамроҳӣ намояд.

Посбонон аз *дусад сарбоз ва ҳафтод савора ва дусад найзадор* иборат буданд. Онҳо бояд соати даҳи *шаб* ба роҳ мебаромаданд, то ки онро дар паноҳи торикӣ тай намоянд.

Чунин шумораи зиёди ҳарбиён барои ба ҷо овардани эҳтироми фиристодаи содиқи Масеҳ набуд. Аниқтараш он ифодагари азми мириҳазор буд, ки мехост дар пеши чашми сардорони румӣ номи неки худро нигоҳ дорад: агар яҳудиён Павлусро, шаҳрванди Румро, мекуштанд, ба ӯ лозим меомад, ки барои хунукназарияш ҷавоб диҳад.

**23,26-28** Дар номае ки мириҳазор *ба ҳокими* румӣ *Феликс* навишт, ӯ худро *Клавдиюс Лисиёс* меномад. Албатта, нома бо мақсади шарҳи вазъияте ки дар атрофи Павлус ба вуҷуд омад, навишта шуда буд. Мушоҳидаи он ки чӣ тавр *Лисиёс* дар мактубаш мекӯшад худро қаҳрамон ва хомии адолат ва осудагии ҷамъиятӣ нишон диҳад, то дараҷае аҷоиб аст. Аз афташ, вай хеле метарсид, ки *Феликс* дар бораи бе ҳукм *шаҳрванди Румро* занҷирбанд кардани ӯ мефаҳмад. Ба бахти *Клавдиюс Лисиёс,* Павлус аз сергапҳо набуд.

**23,29-30** Сипас мириҳазор эзоҳ дод: тафтиши гузаронидаи ӯ нишон дод, ки Павлус ягон гуноҳ надорад, ки *сазовори марг, ё ҳабс бошад*. Эҳтимол, ғавғо аз боиси *ақидаҳои баҳсноки оид ба шариати* яҳудӣ сар задааст. Ба сабаби вуҷуд доштани суиқасд ба муқобили Павлус мириҳазор салоҳ донист, ки вайро ба Қайсария фиристад ва чунин кунад, ки *даъвогарони* ӯ низ тавонанд ба он ҷо раванд ва ин кор дар ҳузури Феликс шунида шавад.

**23,31-35** Дар роҳ *ба Қайсария* мусофирон ба муддати кӯтоҳ дар *Антипотрис* истоданд, ки шасту ду километр дуртар аз Уршалим ва сию ҳашт километр дуртар *аз Қайсария* ҷойгир буд. Азбаски акнун ҳамлаи яҳудиён аз эҳтимол дур буд, *сарбозони* пиёда ба Уршалим баргаштанд, *саворон* бошанд барои *ба Қайсария* бо *Павлус* ҳамроҳ шуда рафтан монданд. Онҳо ба он ҷо расида, *Павлусро* ҳамроҳи *номаи* Лисиёс ба назди Феликс ҳозир намуданд. Вақте тафтиши пешакӣ собит кард, ки Павлус шаҳрванди Рум мебошад, Феликс аз ин қаноатманд шуда ваъда дод, ки *вақте даъвогарони* ӯ аз Уршалим *ҳозир шаванд,* кори ӯро мешунавад. Ва фармон дод, ки то он дам *Павлусро* дар *сарбозхонаи* қасри Ҳиродус *дар ҳабс* нигоҳ доранд.

Ҳокими румӣ Феликс замоне ғулом буд, вале босуръат боло рафта, арбоби намоёни сиёсии империяи Рум гардид. Дар ҳаёти шахсӣ бошад ӯ бо фосиқии мутлақ фарқ мекард. Дар он замоне ки ӯ ҳокими Яҳудо таъйин гардид, аллакай се маротиба ба занҳое ки аз авлоди шоҳон буданд, хонадор шуда буд. Ва ҳангоме ки ҳоким шуд, ӯ ба Друсила, ки зани Азиз, подшоҳи Эмесса буд, ошиқ шуд. Аз рӯи шаҳодати Юсуфи Флавиюс, ба ин оиладоршавӣ ҷодугар аз Қиприс Шимъун ёрӣ расонд.

Феликс ҳокими худсари золим буд. Дар ин бора он далел шаҳодат медиҳад, ки ӯ кушттори саркоҳин Йӯнотонро ташкил кард, ки ӯро барои бад роҳбарӣ карданаш танқид карда буд.

Чунин буд он Феликс, ки Павлус дар назди ӯ бояд ҳозир мешуд.

**24,1** *Баъд аз панҷ рӯзи* Уршалимро монда ба Қайсария равона шудани Павлус, ба он ҷо *саркоҳин Ҳанониё* бо якчанд аъзоёни шурои пирон омад. Онҳо *Тартуллус* ном румиро киро карданд, то ки онҳоро дар додгоҳ намояндагӣ кунад. Ӯ бояд дар назди Феликс ҳозир шуда, ба муқобили *Павлус* айбнома мебаровард.

**24,2-4** *Тартуллус* айбномаи худро бо хушомад ба ҳоким сар кард. Албатта дар он чи ӯ мегуфт, заррае аз ҳақиқат буд. *Феликс* исёну шӯришро пахш намуда тартибу интизомро нигоҳ медошт. Вале суханҳои Тартуллус нисбат ба зикр кардани далелҳо маънои бештаре доштанд ва, эҳтимол, кӯшиши пайдо кардани лутфи ҳоким буданд.

**24,5-8** Пас аз он ӯ ба муқобили расул Павлус чор айбномаи гуногун пешниҳод кард:

1. Ӯ *вайронкор*, офат буд.
2. Ӯ *сабабгори ба шӯр омадани яҳудиён* буд.
3. Ӯ *сардастаи фирқаи носирӣ* буд.
4. Ӯ *ба ҳаром кардани ибодатгоҳ кӯшиш кард*.

**24,9** Пас аз он ки Тартуллус изҳори боварӣ кард, ки Феликс метавонад, ҳукм кунад, ки айбномаҳо бар зидди Павлус ба чӣ андоза ҳаққониянд, *яҳудиёни* дар он ҷо ҳузурдошта айбномаҳои пешниҳодкардаи Тартуллусро дастгирӣ карданд.

**24,10** Бо *ишораи ҳоким Павлус* барои ҳимояи худ баромад кард. Пеш аз ҳама ӯ изҳори қаноатмандӣ кард, ки ба ӯ иҷозат доданд дар назди одаме баромад кунад, ки ба шарофати *солҳои зиёди* таҷриба бо анъана ва тарзи зисти халқи яҳудӣ шинос буд. Шояд суханони ӯ

хушомад метобанд, вале дар асл онҳо далелҳоро бо назокат зикр мекарданд.

Пас аз он расул ба айбномаи бар зидди ӯ баровардашуда бо тартиб ҷавоб дод.

**24,11** Ба айбнома дар бораи он ки вайронкунандаи осудагии ҷамъиятӣ мебошад, Павлус ҷавоб дод, ки аз вақти *ба Уршалим омаданаш* танҳо *дувоздаҳ рӯз* гузашт, ва мақсади омадани ӯ *парастиш* буд, на ташкили бетартибиҳо.

**24,12-13** Пас аз он ӯ айбномаро дар бораи ба шӯр овардани яҳудиён рад кард. Ӯ ягон маротиба на *дар ибодатгоҳ, на дар куништ, на дар шаҳр* бо мардум мубоҳиса накардааст ва ба ягон тарз накӯшидааст онҳоро барангезад. Далелҳо чунин буданд ва ҳеҷ кас онҳоро рад карда натавонист.

**24,14-17** Павлус айбномаи сеюмро, ки ӯ сарвари *фирқаи* носирист, рад намекард. Дар айни замон ӯ гуфт, ки ба ин сифат ӯ *бо имон ба ҳамаи он чизе ки дар Аҳди Қадим навишта шудааст,* ба *Худои* яҳудӣ хизмат мекард. Ӯ ба умеди яҳудиёни муътақид, хусусан фарисиён ҳамфикр буд, ки *ҳам барои росткорон ва ҳам барои бадкорон растохези мурдагон дар пеш аст.* Дар бораи ин растохези оянда ёд карда, ӯ ҳамеша мекӯшид муносибати худро бо Худованд ва одамон пок нигоҳ дорад. Павлус на танҳо аз фикри дар байни яҳудиён ошӯб бардоштан дур буд, ӯ ба Уршалим барои *садақот овардан ва қурбонӣ пешкаш кардан* омада буд. Ӯ, албатта, садақоти аз ҷамоатҳои Мақдуния ва Охоия барои муҳтоҷони яҳудинажоди Уршалим муқарраршударо дар назар дошт.

**24,18-19** Агар гап дар бораи айбномаи чорум равад – ки гӯё ӯ *ибодатгоҳро* ҳаром кардааст, Павлус ба ин чунин ҷавоб дод: Ҳангоме ки ӯ назри яҳудиро иҷро карда, ба *ибодатгоҳ* ҳадя пешкаш мекард, баъзе аз *яҳудиёни вилояти Осиё* ӯро дар ибодатгоҳ дида, дар он гунаҳгор карданд, ки ӯ *ба ибодатгоҳ* ғайрияҳудии нопокро овардааст. Ин, албатта, дурӯғ буд. Расул дар ин вақт танҳо буд ва расму русуми таҳоратро иҷро мекард. Ин *яҳудиёни вилояти Осиё,* ки дар Уршалим бар зидди ӯ ошӯб барангехтанд, *агар чизе бар зидди* расул *дошта бошанд,* барои ӯро айбдор кардан *бояд* ба Қайсария меомаданд.

**24,20-21** Баъд аз он Павлус аз яҳудиёни ҳузурдошта талаб кард ошкоро гӯянд, ки ҳангоме ӯ дар Уршалим *дар назди шурои пирон меистод,* дар чӣ гуна ҷиноятҳо гунаҳкор будани ӯ исбот шудааст. Онҳо ин корро карда наметавонистанд. Онҳо танҳо метавонистанд гӯянд, ки Павлус *бо овози баланд гуфт. «...аз барои таълими растохези мурдагон имрӯз пеши шумо муҳокима карда мешавам».* Дигар хел карда гӯем, айбномаҳои дар ҷиноят бар зидди Павлус бардоштašуда дурӯғанд ва он чи дар онҳо рост аст, ҷиноят набуд.

**24,22** Корро шунида, *Феликс* дар назди дилемма монд. Ӯ дар бораи тариқати масеҳӣ хеле хуб медонист ва кӣ ҳақ буданашро дарк мекард. Бандии дар наздаш истода дар ягон хел ҷинояти зидди қонуни Рум аниқ гунаҳкор нест. Бо вуҷуди ин, агар ӯ Павлусро сафед кунад, қаҳру ғазаби яҳудиёнро ба вуҷуд меорад. Аз нуқтаи назари сиёсӣ барои ӯ ҳусни таваҷҷуҳи онҳоро ба даст овардан хеле муҳим буд. Бинобар ин ӯ барои давом додани тафтиши кор баҳона ёфт. Ӯ эълон намуд, ки то ба Қайсария омадани *мириҳазор Лисиёс* интизор мешавад. Дар асл бошад ин танҳо як ҳилаи тактикӣ буд, ки барои тафтишро ба таъхир андохтан имконият медод. Дар бораи он ки *мириҳазор* ба Қайсария омад, ягон хел маълумот нест.

**24,23** Корро ба охир расонида, Феликс *фармон дод,* ки Павлусро дар ҳабс нигоҳ доранд, вале *ба ӯ сабукӣ* дода шавад, *ба наздикони ӯ* иҷозати *дидорбинӣ* дода шавад, то ӯро бо хӯрок ва пӯшок таъмин намоянд. Ин, бешубҳа, ба он ишорат мекунад, ки ҳоким *Павлусро* ҷинояткори ҳақиқӣ намеҳисобид.

**24,24-25а** *Баъд аз чанд рӯз* пас аз шунидани масъала дар назди мардум, *Феликс* ва зани ӯ *Друсила* барои бисёртар донистан дар бораи имони масеҳӣ бо расул мулоқоти шахсӣ ташкил карданд. *Павлус* бо ҷасорати мутлақ бо ҳокими фосиқ ва зани ғайриқонунии вай *дар бораи росткорӣ, парҳезгорӣ ва доварии оянда сухан меронд.* На дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва на дар ҳаёти шахсии онҳо *росткорӣ* набуд. Онҳо *бо парҳезгорӣ* шинос набуданд, ки ба он пайванди пургуноҳи ҳозираи онҳо шаҳодат медиҳад. Онҳоро дар бораи *доварии оянда* пешакӣ огоҳонидан лозим буд, зеро ки танҳо дар он ҳол, агар гуноҳҳои онҳо ба туфайли хуни Масеҳ бахшида шаванд, ба онҳо аз ҳалокат дар оташи дӯзах наҷот ёфтан муяссар мегардад.

**24,25б-26** Суханони расул, аз афти кор, ба *Феликс* нисбат ба Друсила хеле сахттар

таъсир кард. Вале ӯ, ҳарчанд *ба ҳарос афтод,* ба Наҷотдиҳанда рӯ наоварד. Ӯ қабули қарорро ба таъхир мононда гуфт: «*Алҳол рав, ва ҳар гоҳ фурсат ёбам, боз туро даъват мекунам*». Таассуфангез бошад ҳам, чунин *фурсат* дигар нарасид, чунон ки дар ин бора аз рӯи Навиштаи Муқаддас ҳукм баровардан мумкин аст. Вале ин шаҳодати охирини Павлус ба *Феликс* набуд. Дар давоми ду соли минбаъда, ки Павлус дар Қайсария чун бандӣ гузаронд, ҳоким ӯро ба наздаш чандин бор даъват намуда буд. Дар ҳақиқат бошад, *Феликс* умедвор буд, ки дӯстони Павлус ба ӯ барои озод кардани ин бандӣ пораи зиёд медиҳанд.

**24,27** *Баъд аз гузаштани ду сол* дар соли 60-уми милодӣ *Поркиюс Фестус ба ҷои Феликс таъйин шуд. Феликс, ки мехост яҳудиёнро хурсанд созад, Павлусро* дар зиндон дар Қайсария *нигоҳ дошт.*

**25,1** Тирамоҳи соли 60-уми милодӣ император Нерон Поркиюс *Фестусро* ҳокими румии Яҳудо таъйин намуд. *Қайсария* маркази сиёсии вилояти румии Сурия буд, ки ба он Яҳудо ҳам дохил буд. *Баъд аз се рӯз Фестус аз Қайсария ба Уршалим*, ба пойтахти динии сарзамини ба ӯ супурдашуда *рафт.*

**25,2-3** Ҳарчанд аз он вақте ки Павлус ба Қайсария гузаронида шуд, аллакай ду сол гузашта бошад ҳам, *яҳудиён* ӯро фаромӯш накарда буданд ва нафрати сахти онҳо хомӯш нагашта буд. Ба гумони он ки ба *меҳрубонии* ҳокими нав умед баста метавониста бошанд, *саркоҳин ва бузургони яҳудиён* айбномаи зидди *Павлусро* аз нав пешниҳод карданд ва хоҳиш карданд, ки ӯро *ба Уршалим* фиристанд, то доварӣ карда шавад. Эҳтимол, онҳо дар назар доштанд, ки ӯро бояд шурои пирон доварӣ кунад, вале нақшаи ҳақиқии онҳо аз он иборат буд, ки камин созанд ва *ӯро дар роҳ кушанд.*

**25,4-5** *Вале Фестус,* бешубҳа, дар бораи суиқасд бахри куштани *Павлус* ва дар бораи чораҳои мураккабе ки мириҳазори Уршалим пешакӣ дида буд, то ки пинҳонӣ ӯро ба Қайсария барад, огоҳонида шуда буд. Ӯ илтимоси онҳоро рад кард, вале ваъда дод, ки агар онҳо *ба Қайсария* омада тавонанд, имконияти бо баёнот бар зидди *Павлус* баромад карданро медиҳад.

**25,6-8** Дар Уршалим *ҳашт ё даҳ* рӯзро гузаронида, Фестус *ба Қайсария* баргашт ва рӯз*и дигар* доварӣ таъйин кард. Яҳудиён ба ҳуҷум гузашта, бар зидди *Павлус бисёр айбҳои гаронро* бор карданд, вале ягонтои онҳоро исбот карда натавонистанд. Расул заифии айбдоркунандагони худро ҳис карда, бо инкори *ҷинояте,* хоҳ *бар зидди шариат, хоҳ бар зидди ибодатгоҳ, хоҳ бар зидди қайсар,* қаноат намуд.

**25,9-11** Лаҳзае чунин намуданаш мумкин буд, ки Фестус тайёр аст ба талаби *яҳудиён* розӣ шавад, ки *Павлус ба Уршалим* ба доварии шурои пирон фиристода шавад. Вале ӯ инро бе розигии бандӣ кардан намехост. Албатта, Павлус мефаҳмид, ки агар розӣ шавад, ҳеҷ гоҳ ба *Уршалим* зинда намерасад. Бинобар ин ӯ розӣ нашуд ва арз кард, ки доварӣ дар Қайсария барои ин тафтиш пурра мувофиқат мекунад. Агар ӯ ҷинояте бар зидди империяи Рум содир карда бошад, ӯ барои ин ба мурдан тайёр аст. Вале агар ӯ дар чунин ҷиноят гунаҳкор набошад, пас чӣ тавр дар асоси қонун ба дасти *яҳудиён* супурда шуданаш мумкин аст? Он гоҳ, аз ҳуқуқи шаҳрванди Рум пурра истифода бурда, расул Павлус суханони фаромӯшнашавандаи худро гуфт: «*Ман доварии қайсарро талаб мекунам*».

Оё муроҷиати *Павлус ба қайсар* дуруст буд? Оё ӯ набояд ба Худованд пурра умед бандад ва то вобастагии худ ба шаҳрванди ин ҷаҳон будан паст нафарояд? Оё ин яке аз «хатоҳои Павлус» набуд? Мо ба ин савол бо тамоми аниқӣ ҷавоб гуфта наметавонем. То андозае ки ба мо маълум аст, ҳамон вақт маҳз муроҷиат ба *қайсар* монеи озод шудани ӯ гардид ва ҳатто, агар ӯ *доварии қайсарро* талаб накунад ҳам, ӯ ба таври дигар низ ба Рум рафта метавонист.

**25,12** *Фестус* кӯтоҳакак бо мушовиронаш, «бо ҳуқуқшиносон», *гуфтугӯ кард,* ки дар ҳолатҳои ба ҳамин монанд чӣ гуна бояд рафтор кард. Пас аз он ӯ, эҳтимол, хеле бадхашмона, ба Павлус гуфт: «*Доварии қайсарро талаб мекунӣ, пас назди қайсар меравӣ*».

**25,13** Баъди гузаштани муддате аз ҳодисаҳои тасвиршуда *подшоҳ Агрипоси* II ва хоҳари ӯ *Берникo ба Қайсария омаданд,* то ки *Фестусро* бо вазифаи нав *муборакбод намоянд. Агрипос* писари Ҳиродус Агрипоси I буд, ки Яъқубро кушта ва Петрусро ба зиндон андохта буд (Аъм. 12). Хоҳари ӯ зани фавқулода зебо буд. Ҳарчанд таърихшиносон ба ӯ рафторҳои бағоят шубҳанокро, ҳамчунин ишқбозӣ бо

бародари худашро ҳам нисбат медоданд, Аҳди Нав дар бораи хулқи ӯ чизе намегӯяд.

**25,14-16** Онҳо дар Қайсария рӯзҳои зиёде истоданд ва *Фестус* қарор дод ба Агрипос дар бораи масъалае нақл кунад, ки вобаста ба Павлус ном бандие ба вуҷуд омадааст. Пеш аз ҳама ӯ муфассал дар бораи талаби *яҳудиён* оид ба бе доварии расмӣ ҳукми таъҷилӣ баровардан нақл кард. Худро тарафдор ва ҳимоятгари риояи қоидаҳои ҳуқуқии даркорӣ нишон дода, ӯ нақл кард, ки чӣ тавр ба мурофиаи судӣ исрор карда муваффақ шуд, ки *айбдоршаванда* дар он метавонад *бо даъвогаронаш рӯ ба рӯ* вохӯрда, имконияти ҳимоя кардани худро дошта бошад.

**25,17-19** Ҳангоме ки кор ба мурофиа расид, Феликс дарёфт, ки бандӣ дар ҳеҷ гуна ҷинояти зидди империя гунаҳкор нест. Аниқтараш, яҳудиён бо ӯ фақат *оид ба парастиши Худо ва дар бораи Исо ном шахсе ки мурдааст, вале Павлус мегуфт, ки ӯ зинда аст, масъалаҳои баҳснок* доштанд.

**25,20-22** Баъд аз он Фестус дар бораи он ки ӯ *ба Павлус ба Уршалим рафтанро* пешниҳод кард ва дар бораи мурофиат кардани Павлус ба *Августус* (дар ин ҷо унвон, на номи қайсар) нақл кард. Ин, албатта, мушкилӣ ба вуҷуд меовард. Дар баробари ба Рум фиристодани бандӣ ба муқобили ӯ айбнома баровардан лозим буд. Чӣ гуна? Азбаски *Агрипос* яҳудӣ буд ва фармудаҳои дини яҳудиро хеле хуб медонист, Фестус умедвор буд, ки ӯ барои айбномаи мувофиқ тартиб додан ба ӯ ёрӣ медиҳад.

Дар бораи Наҷотдиҳандаи ҷаҳон сухан ронда, Фестус ифодаи «ким-кадом Исо»-ро истифода бурд. Дар ин бобат шарҳи Бенгелро такрор кардан меарзад: «Ва чунин мегӯяд ким-кадом Фестуси ҳақир дар бораи Оне ки дар назди Ӯ ҳама бояд зону зананд».

**25,23** *Рӯзи дигар* мурофиаи расмӣ таъйин гардид. *Агрипос ва Берникo бо ҳашамати бузурге* омаданд. Онҳоро *мириҳазорон ва бузургони шаҳр* ҳамроҳӣ мекарданд. Баъд *Павлус оварда шуд.*

**25,24-27** *Фестус* аз нав таърихи ин корро нақл кард: дар бораи куштани Павлусро боисрор талаб кардани *яҳудиён;* дар бораи он ки ӯ, Фестус, ягон гуноҳи *сазовори марги* расулро наёфт ва дар бораи мурофиати Павлус ба қайсар. Ин Фестусро ба вазъияти мушкил гузошт: ӯ маҷбур буд талаби Павлусро иҷро кунад ва ӯро ба назди Нерон фиристад, ҳарчанд ягон хел асоси қонунӣ барои мурофиа набуд. *Фестус* рӯйрост гуфт, ки ба ёрии *Агрипос* умедвор аст: ниҳоят, дар ҳақиқат, *хилофи ақл* менамояд, ки *бандиеро фиристанд ва айбҳои ба гарданаш мондашударо нишон надиҳанд.* Мурофиа аз доварӣ дида бештар гӯшкуниро ба хотир меовард. Дар он яҳудиёне ки Павлусро гунаҳкор мекарданд, иштирок намекарданд ва аз *Агрипос* қарори ба ягон чиз водоркунандаро интизор набуданд.

**26,1-3** Ин саҳна бо ибораи зерин равшан баён карда мешавад: «Подшоҳ дар банд ва ғулом дар тахт». Аз нуқтаи назари рӯҳонӣ *Агрипос* шахсияти ҳақире буд, дар ҳоле ки расул дар боли имон парвоз мекард, ки ӯро аз мавқеи заминӣ хеле баланд бардошта буд.

Ҳангоме ки *Агрипос* ба ӯ иҷозати сухан кардан дод, *Павлус дасти худро дароз карда* нақли ҳаяҷоновари худро дар бораи он ки ӯ чӣ тавр масеҳӣ гардид, сар кард. Пеш аз ҳама ӯ барои имконияти пешниҳоди кори худ барои тафтиш ба одаме ки яҳудист ва бо расму оин ва ақидаҳои баҳсноки дар байни яҳудиён паҳншуда шинос аст, миннатдорӣ изҳор намуд. Чунин оғозро хушомади одӣ ҳисобидан мумкин нест: ин формулаи назокати масеҳӣ буд ва ҳақиқати одӣ буд.

**26,4-5** Дар ибтидои *зиндагии* худ расул яҳудии намунавӣ буд. Агар *яҳудиён мехостанд гувоҳӣ диҳанд,* маҷбур буданд эътироф намоянд, ки Павлус чун *фарисии* муътақид дар мувофиқати *ҷиддӣ* бо шариат зиндагӣ мекард.

**26,6** *Ва ҳоло* Павлус барои «ҷинояте» муҳокима карда мешуд, ки аз *умеди ӯ ба ваъдае ки Худо ба падарони* яҳудиён дар Аҳди Қадим додааст, иборат буд. Павлус, эҳтимол, чунин андеша дошт: дар Навиштаҳои Аҳди Қадим Худо бо сардорони халқи Исроил, аз ҷумла, бо Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб, Довуд ва Сулаймон аҳдҳои гуногун бастааст. Ва аҳди асосӣ ин аст – ваъдаи омадани Масеҳ, касе ки халқи Исроилро озод мекунад ва дар тамоми замин ҳукмрон мегардад. Нахустпадарони Аҳди Қадим иҷроиши ин ваъдаро интизор нашуда мурданд. Оё аз ин чунин мебарояд, ки Худо ваъдаи худро иҷро намекунад? Албатта, Ӯ онро иҷро мекунад! Вале ӯ чӣ тарз инро карда метавонад, вақте ки падарон аллакай мурдаанд?

Ҷавоб чунин аст: «Онҳоро аз мурдагон зинда карда». Ба ҳамин тариқ, расул ваъдаи ба интихобшудагони Аҳди Қадими Худо додашударо бо растохез аз мурдагон рӯйрост алоқаманд мекунад.

**26,7** Расул дувоздаҳ сибти исроилиёнро доимо бо ҷидду ҷаҳд ба Худо ибодаткунанда ба *умеди* он ки иҷрои ҳамон ваъдаро мебинанд, тасвир кардааст. Ба ёд овардани *дувоздаҳ сибт* махсусан муҳим аст, агар таълимоти маъмулро дар бораи он ки даҳ сибти исроилиҳо баъд аз асирӣ «гум шуда» буданд, ба назари эътибор гирифта шавад. Ҳарчанд онҳо дар байни халқҳои бутпараст паҳну парешон шуда буданд, расул онҳоро халқи алоҳида меҳисобид, ки *ба Худо хизмат мекунанд* ва Наҷотдиҳандаи ваъдашударо интизор мебошанд.

**26,8** Ана аз чӣ иборат будааст ҷинояти Павлус! Ӯ боварӣ дошт, ки онҳоро аз мурдагон зинда намуда, *Худо* ваъдаи ба падарон додаро иҷро мекунад. «Дар ин чӣ чиз *аз ақл берун* аст?» – мепурсид Павлус аз Агрипос ва ҳамаи ҳамроҳонаш.

**26,9-11** Ба таърихи зиндагонии худ баргашта, Павлус дар бораи он мубориза бераҳмона ва суботкорона, ки ӯ бар зидди пайравони таълимоти масеҳӣ мебурд, нақл кард. Ӯ бо тамоми қувва *ба номи Исои Носирӣ* зиддият нишон медод. *Аз саркоҳинон иҷозат* гирифта, *бисёр* масеҳиёнро дар Уршалим ба зиндон меандохт. Ҳангоме ки онҳо дар назди додгоҳи шурои пирон ҳозир мешуданд, ӯ ҳамеша барои маҳкум кардани онҳо овоз медод. *Дар ҳамаи куништҳо* ҳар дам онҳоро азоб медод ва ҳама кори метавонистаашро мекард, то онҳоро ба мункир шудан аз Худованди худ маҷбур кунад. (Ҳангоме ки ӯ мегӯяд, ки *онҳоро маҷбур мекард*[72] Масеҳро *куфр бигӯянд,* ин маънои онро надорад, ки ин ба ӯ муяссар мешуд; ӯ танҳо кӯшиш мекард инро кунад.) Нафрати Павлус ба шогирдони *Исо* тамоми Уршалим ва Яҳудоро фаро гирифт ва таъқибот ба *шаҳрҳои бегона* низ паҳн гардид.

**26,12-14** Дар яке аз чунин амалиётҳо ҳодисае рӯй дод, ки тамоми зиндагонии ӯро тағйир дод. Ӯ *ба Димишқ* мерафт ва дар даст хуҷҷате дошт, ки ба ӯ ваколат медод масеҳиёнро ҳабс намояд ва барои ҷазо додан ба Уршалим орад. *Нисфи рӯз* ӯ бо рӯъёи аҷибе нигоҳ дошта шуд. *Аз осмон нуре* дурахшид, *ки равшантар* аз *нури* офтоб дар осмон буд. Ӯ ба замин *афтод* ва *овозеро шунид,* ки мепурсид: *«Шоул, Шоул! Барои чӣ маро таъқиб мекунӣ?» Овоз* инчунин таъкид намуд: *«Лагад заданат ба сихак душвор аст». Сихак* чӯби нӯгтезест, ки бо он ҳайвоноти якравро меронданд ва маҷбур мекарданд пеш равад. Павлус *зидди сихаки* виҷдони худ *мерафт,* вале аз ин зиёда он муҳим буд, ки ӯ *зидди* овози фошкунандаи Рӯҳулқудс *мерафт.* Ӯ ҳеҷ аз ёд бароварда наметавонист, ки Истефанус бо чӣ гуна оромӣ ва шаъну шуҳрат ҷон дод. Ӯ бар *зидди* Худи Худо *мубориза бурд.*

**26,15** Павлус пурсид: *«Худовандо, Ту кистӣ?»* Овоз ҷавоб дод: *«Ман он Исо ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ».* Исо? Магар ин мумкин аст? Магар Исо ба салиб кашида шуда дафн нашуда буд? Магар шогирдони Ӯ ҷисми Ӯро дуздида дар як ҷои ниҳонӣ пинҳон накарданд? Пас чӣ гуна Исо метавонист ҳозир бо ӯ гап занад? Ҳақиқат дили Павлусро равшан кард: Исо дар ҳақиқат дафн карда шуда буд, вале Ӯ аз мурдагон бархест! Ӯ акнун ба осмонҳо бардошта шуд, ки аз он ҷо акнун бо Павлус гап мезад. Масеҳиёнро таъқиб карда, Павлус Устоди онҳоро *таъқиб мекард.* Ӯро *таъқиб карда,* ӯ Масеҳро, Наҷотдиҳандаи халқи Исроил, Худи Писари Худоро *таъқиб мекард.*

**26,16** Баъдтар Павлус кӯтоҳакак дар бораи вазифае ки аз тарафи Худованд Исои Масеҳ ба ӯ вогузор шуда буд, нақл кард. Худованд ба ӯ гуфт, ки *бархезад ва бар пои худ истад.* Масеҳ ба Павлус барои он дар ҷалол зоҳир шуд, ки ба ӯ пешакӣ муқаррар шуда буд ба Худованд хизмат кунад ва дар бораи ҳамаи он чи ӯ он рӯз *дида буд* ва дар бораи он ҳама ҳақиқатҳои бузурги масеҳият, ки ба ӯ ошкор хоҳанд шуд, шаҳодат диҳад.

**26,17** Ваъдаи Худовандро дар бораи халос кардани Павлус *аз қавми* яҳудӣ *ва халқҳо* чунин фаҳмидан лозим аст: наҷот умуман то он даме ки кори ӯ ба охир расад.

**26,18** Худованд Павлусро асосан назди ғайрияҳудиён мефиристод: то ки *чашмони онҳоро воз кунад ва онҳо аз торикӣ ба рӯшноӣ, ва аз қудрати шайтон сӯи Худо рӯ оваранд.* Ба воситаи имон овардан ба Худованд Исо, онҳо *бахшоиши гуноҳҳо ва насибе дар миёни муқаддасон пайдо мекунанд.* Д. К. Даунӣ нишон медиҳад, ки дар ояти 18 натиҷаҳои Хушхабар мухтасар ифода ёфтаанд:

1. Аз торикӣ наҷот ёфтан.
2. Аз қудрати шайтон раҳоӣ ёфтан.
3. Бахшоиши гуноҳҳо.
4. Мероси аз даст рафтаро аз нав соҳиб шудан.

**26,19-23** Павлус *ба Агрипос* мефаҳмонад, ки чунин супоришро гирифта, ӯ *ба рӯъёи осмонӣ* мухолифат накард. Ӯ дар *Димишқ ва* дар *Урушалим ва* баъд дар *тамоми сарзамини Яҳудия ва низ ғайрияҳудиён мавъиза менамуд,* ки *тавба карда сӯи Худо рӯ оваранд* ва ҳақиқат будани *тавбаи* худро бо корҳояшон исбот кунанд. Ӯ маҳз ҳамин корро мекард, вақте ки *яҳудиён* ӯро *дар ибодатгоҳ дастгир карда,* мехостанд *кушанд*. Вале *Худо* ба ӯ ҳимоя ва *ёрдам* ато кард ва ӯ ба ҳамаи онҳое ки ба ӯ вомехӯрданд, шаҳодат медод ва *дар бораи он чизе ки пайғамбарон ва Мусо* дар Аҳди Қадим *мегуфтанд,* мавъиза кард. Моҳияти мавъизаи ӯ аз он иборат буд, *ки* Масеҳ *бояд азоб кашад ва аввалин касе бошад, ки аз мурдагон бархеста* баъд *ба ин қавм* (ба яҳудиён) ва *ба халқҳо* (-и ғайрияҳудӣ) *аз нур хабар расонад.*

**26,24-26** Ғайрияҳудӣ *Фестус,* эҳтимол, фикрҳои расулро намефаҳмид. Ӯ комилан наметавонист шахси пур аз Рӯҳулқудсро қадр кунад, бинобар ин қаҳролуд *Павлусро* дар он гунаҳкор кард, ки *аз дониши бисёр* девона шудааст. Ягон хел оташинӣ ва норозигӣ нишон надода, расул ин айбномаро рад кард ва гуфт, ки *суханони ӯ сухани ҳақиқат мебошанд ва бо ақли солим баён* шудаанд. Пас аз он ӯ изҳори боварӣ кард, ки *подшоҳ* дар бораи ҳақиқат будани суханони ӯ медонад. Ҳаёт ва шаҳодати Павлус пинҳонӣ набуд. Яҳудиён дар ин бора ҳама чизро медонистанд ва нақлҳо дар бораи ӯ, бешубҳа, то ба Агрипос расидаанд.

**26,27** Ба подшоҳ бевосита муроҷиат карда Павлус пурсид: *«Эй подшоҳ Агрипос, оё ба пайғамбарон бовар мекунӣ?»* Ва ба саволи худ ҷавоб дода гуфт: *«Медонам, ки бовар мекунӣ»*. Қувваи ин далел аён аст. Павлус аслан мегуфт: «Ман ба ҳамаи он чизе ки пайғамбарон дар Аҳди Қадим гуфтаанд, бовар мекунам. Ту ҳам, *эй Агрипос,* ба пешгӯии онҳо *бовар мекунӣ,* магар ҳамин тавр нест? Пас чӣ хел яҳудиён маро дар ҷинояти сазовори марг айбдор карда метавонанд? Ва чӣ тавр ту маро барои боварӣ ба он чи худ низ бовар дорӣ, гунаҳгор карда метавонӣ?»

**26,28** Ба он ки *Агрипос* қуввaи ин далелро ҳис кард, суханони ӯ далолат мекунанд: *«Кам мондааст маро бовар кунонӣ, ки масеҳӣ шавам»*. Вале дар бораи он ки *Агрипос* чиро дар назар дошт, мухолифатҳои хеле зиёде мавҷуданд. Баъзеҳо мепиндоранд, ки подшоҳ дар ҳақиқат барои ба Масеҳ имон овардан тайёр буд. Онҳо чунин мешуморанд, ки ҷавоби Павлус дар ояти 29 инро тасдиқ мекунад. Дигарон тахмин мекунанд, ки *Агрипос* инро ҳазломез гуфт, гӯё ки аз Павлус мепурсид: «Ва ту фикр мекунӣ, ки ба масеҳӣ шудан маро ин тавр тез моил кунонида метавонӣ?» Дигар хел карда гӯем, ӯ ҳамаро ба шӯхӣ гардонида, аз таъсири суханони расул раҳоӣ ёфтан мехост.

**26,29** Оё Агрипос самимона гап мезад ё масхара мекард, *Павлус* ба ӯ бо ҷиддияти том ҷавоб дод. Ӯ хоҳиши гарму ҷӯшон изҳор кард, ки вақти кам ё зиёд сарф карда, Агрипос ва *ҳамаи* дигар ҳозиронро ба он бовар кунонда тавонад, ки онҳо ба шодӣ ва хушвақтии ҳаёти масеҳӣ ворид шаванд, шарафи ба Павлус насиб гардидаро бо ҳам бинанд ва дар ҳама чиз ба ӯ монанд гарданд, *ғайр аз ин занҷирҳо*.

Морган менависад:

*Ӯ барои наҷот додани Агрипос ба мурдан ҳам тайёр буд, вале занҷирҳои худро ба Агрипос бор кардан намехост. Дар ҳамин аст тамоми масеҳият. Инро афзоед ва дар ҳаёти худ татбиқ намоед. Самимияте ки таъқиб мекунад, масеҳият нест. Худи ҳамон самимияте ки барои наҷоти одам мемирад, вале ба ӯ занҷир бор намекунад, – ин аст масеҳият.*[73]

**26,30-32** *Подшоҳ, ҳоким, Берникo* ва дигар мансабдорон барои машварат аз толор баромаданд. Онҳо маҷбур буданд эътироф намоянд, ки Павлус *ҳеҷ коре накардааст, ки сазовори марг ё ҳабс бошад*. Эҳтимол, бо оҳанги таассуф *Агрипос ба Фестус гуфт,* ки *агар* Павлус *доварии қайсарро талаб намекард,* ӯро *озод* кардан мумкин буд.

Табиист, ки савол ба вуҷуд меояд: Муроҷиат ба *қайсарро* чаро бекор кардан мумкин набуд? Онро бекор кардан мумкин буд ё не, мо як чизро аниқ медонем: хости Худо буд, ки Павлус, расули халқҳо, ба Рум рафта дар назди додгоҳи қайсар ҳозир шавад (23,11). Дар он ҷо хоҳиши ӯ, ки ба монанди Худованди худ мурдан мехост, ба амал омад.

## Ж. Роҳи Павлус ба Рум ва шикасти киштӣ (27,1–28,16)

Ин боб достони ҷолибест дар бораи сафари расул аз Қайсария ба Малит дар роҳ ба Рум. Агар яке аз мусофирон дар ин киштӣ Павлус намебуд, мо на дар бораи ин сафар, на дар бораи шикасти киштӣ ҳеҷ гоҳ намешунидем. Дар матн истилоҳҳои зиёди баҳрӣ мавҷуданд, бинобар ин фаҳмидани он на ҳамеша осон аст.

**27,1** Сафар бо киштӣ дар Қайсария сар шуд. *Павлусро* дар зери ҳимояи афсар *Юлиус* супурданд. Ин *мирисади сипоҳи Августус* буд, аз легиони машҳури лашкари Рум. Ба монанди ҳамаи дигар мирисадҳо, ки дар Аҳди Нав номбар шудаанд, ӯ хислати наҷиб дошт, одамдӯст ва ҳақиқатҷӯ буд ва ба дигарон ғамхорӣ мекард.

**27,2** Дар киштӣ бандиҳои дигар ҳам буданд, ки ба монанди Павлус барои мурофиа ба Рум фиристода шуда буданд. Дар рӯйхати мусофирон инчунин номи *Ористархус* ва Луқо низ буд, ки дар сафарҳои пешина ҳам Павлусро ҳамроҳӣ мекарданд. *Киштии* саворшудаашон *Адрамитӣ* буд. Адрамит – шаҳр дар Мисия дар шимоли ғарбии Осиёи Хурд буд. Киштӣ бояд ба тарафи шимоли ғарбӣ мерафт ва ба бандарҳои қад-қади соҳили *Осиё,* вилояти ғарбии Осиёи Хурд медаромад.

**27,3** Киштӣ қад-қади соҳили Фаластин ба самти шимол равона шуда, ба муддати кӯтоҳ дар *Сидун,* ки дар саду даҳ километр аз Қайсария ҷойгир буд, истод. Мирисад *Юлиус* одамдӯстона *ба Павлус* иҷозат дод ба соҳил *фаромада, назди дӯстони худ рафта, аз ғамхории онҳо истифода барад.*

**27,4-5** Аз Сидун роҳ аз байни қисми шимолӣ-шарқии баҳри Миёназамин, аз назди *Қиприс* мегузашт, ки онҳо онро аз канори чап монданд ва аз он истифода бурданд, ки ин тарафи ҷазира онҳоро аз боди мухолиф муҳофизат мекард. Ҳарчанд *боди мухолиф* мевазид, киштӣ ба соҳили ҷанубии Осиёи Хурд расид, пас аз он дар самти ғарб рӯ ба рӯи *Киликия ва Памфилия* баҳрро миёнбур карда ба шаҳри бандарии *Мирои Ликия* расид.

**27,6** *Дар он ҷо мирисад* бандиёни худро ба *киштии* дигар савор кард, зеро ки киштии аввала онҳоро *ба Италия* бурда наметавонист; он бояд ба бандари худ ба соҳили ғарбии Осиёи Хурд мерафт.

*Киштии* дуюм аз Искандария буд, ки дар соҳили шимолии Африқо аст. Дар он 276 нафар аз ҳайати киштӣ ва мусофирон буданд ва бори гандум низ буд. Аз Искандария он рост ба шимол, ба воситаи баҳри Миёназамин ба Миро мерафт, аз он ҷо бошад ба ғарб *ба Италия* равона мешуд.

**27,7-8** Киштӣ дар давоми *чандин рӯз* аз сабаби боди мухолиф оҳиста-оҳиста мерафт. Ба ҳайати киштӣ *базӯр* муяссар гардид, ки киштиро ба бандари рӯ ба рӯи *Қнидус,* ба бандари канори ҷануби ғарбии Осиёи Хурд оварда расонад. Азбаски *боди* мухолиф мевазид, онҳо ба ҷануб равона шуданд ва қад-қади соҳили шарқии аз бод муҳофизатшудаи ҷазираи *Крит* равона шуданд. Димоғаи *Салмӯниро* давр зада, онҳо ба ғарб баргаштанд ва бо душворӣ ба муқобили бод ҳаракат карда, ниҳоят ба *Бандарҳои Нек* расиданд, *ки ба шаҳри Ласия* дар маркази соҳили ҷанубии ҷазираи *Крит наздик буд.*

**27,9-10** Дар ин ҳангом вақти *зиёде* аз даст рафта буд, зеро боду ҳаво барои *сафар* бо киштӣ номусоид буд. Наздикшавии зимистон роҳи минбаъдаро *хатарнок* мекард. Эҳтимол, сентябр ё аввали октябр буд, зеро аллакай *рӯза* (рӯзи кафорат) ҳам *гузашта буд. Павлус* сардорони киштиро огоҳонид, ки *сафар* хатарнок аст ва агар он давом дода шавад, на танҳо барои *бор ва киштӣ,* балки ҳатто ба *ҷони* одамони дар киштӣ буда низ хатар ҳаст.

**27,11-12** Аммо *суккондор ва соҳиби киштӣ* роҳро давом додан мехостанд. *Мирисад,* чун аксари дигар мусофирон ба далелҳои онҳо розӣ шуд. Ба ғайр аз ин, ин *бандар* барои зимистонгузаронӣ ҷои он қадар мувофиқ ҳам набуд, ба монанди бандари *Финикс,* ки дар шасту чор километр ғарбтар аз Бандари Нек, дар канори ҷанубӣ-ғарбии *Крит* воқеъ аст. Бандари он *рӯ ба самти ҷануби ғарбӣ ва шимоли ғарбӣ воқеъ аст.*

**27,13-17** Ҳангоме ки *боди ҷанубӣ вазид,* баҳрнавардон қарор доданд, ки метавонанд масофаеро ки онҳоро аз Финикс ҷудо мекард, тай кунанд. Онҳо лангар бардоштанд ва қад-қади соҳил ба ғарб рафтанд. Вале дере нагузашта боди сахти шимолӣ-шарқӣ (эвриклидон) аз соҳили серхарсанги *Крит* бар онҳо вазид. Азбаски бо самти интихобшуда рафтан имконнопазир гардид, ҳайати киштӣ *киштиро* ба ихтиёри мавҷҳо вогузошт. Бод онҳоро

ба ҷанубу ғарб ба сӯи *ҷазирачае* мебурд, *ки Клавдо ном дошта,* дар сӣ-чил километр дуртар аз *Крит* буд. Ҳангоме ки онҳо ба қисми муҳофизатшавандаи *ҷазирача* расиданд, онҳо *базӯр қаиқи* аз ақиби худ бурдаистодаашонро *нигоҳ доштанд.* Ниҳоят ба онҳо муяссар гардид, ки онро ба болои киштӣ бароранд. Пас аз он онҳо камари *киштиро бо танобҳо маҳкам бастанд,* то ки вайроншавии онро аз баҳри пурталотум пешгирӣ намоянд. Онҳо метарсиданд, ки бод онҳоро ба ҷануб, ба Сиртис, ба халиҷи соҳили Африқо, ки бо пастобҳои хатарноки худ машҳур буд, гирифта мепартояд. Барои инро пешгирӣ кардан *онҳо бодбонро фуровcovарданд ва ҳамчунон ба ҷараёни об ронда мешуданд.*

**27,18-19** Рӯзи дароз онҳо дар ихтиёри мавҷҳо буданд, *рӯзи дигар* бошад *бори* киштиро ба об партофтан гирифтанд. Дар рӯзи сеюм онҳо *асбобу анҷоми киштиро* партофтанд. Бешубҳа, *киштӣ* оби зиёдеро ҷамъ кард ва онро сабук кардан лозим буд, то ин ки ғарқ нашавад.

**27,20** *Чандин рӯз* онҳо ночор дар ихтиёри мавҷҳо мерафтанд, на *офтобро* медиданду на *ситораҳоро,* ва аз имконияти муайян кардани мавқеи худ ва аниқ кардани он ки дар куҷо мебошанд, маҳрум буданд. *Дигар ҳеҷ умеде барои халосӣ набуд.*

**27,21-26** Ноумедӣ бо гуруснагӣ дучанд меафзуд. Одамон аллакай чандин рӯз чизе нахӯрда буданд. Аз афташ, онҳо беист кор мекарданд, киштиро мустаҳкам намуда обро гирифта мепартофтанд. Мумкин, дар киштӣ барои тайёр кардани хӯрок ягон хел асбоби хӯроктайёркунӣ намонда буд. Эҳтимол, касалии баҳрӣ, тарс, ноумедӣ низ иштиҳои онҳоро мебаст. Дар хӯрок камбудӣ набуд, вале онҳо ягон хоҳиши хӯрок хӯрдан надоштанд.

Он гоҳ *Павлус дар миёни онҳо истода,* мекӯшид одамонро рӯҳбаланд намояд. Аввал ӯ оромона хотиррасон кард, ки бояд *аз Крит намебаромаданд.* Пас аз он онҳоро бовар кунонд, ки ҳарчанд *киштӣ нобуд шавад* ҳам, *ҳеҷ осебе ба ҷони ҳеҷ яке аз онҳо намерасад.* Ӯ аз куҷо медонист? Ҳамон *шаб* ба ӯ *фариштаи* Худованд зоҳир шуд ва ӯро бовар кунонд, ки ӯ *дар назди шоҳаншоҳ* дар Рум *ҳозир мешавад. Худо ҷони ҳамаи ҳамсафаронашро* ба расул *бахшид,* яъне ҳамаи онҳо инчунин наҷот меёбанд. Бинобар ин онҳо бояд рӯҳбаланд шаванд. *Павлус* боварӣ дошт, ки ҳама чиз ба хубӣ меанҷомад, ҳарчанд онҳо ба шикасти киштӣ дучор мешаванд ва *ба яке аз ҷазираҳо партофта* мешаванд.

А. В. Тозер равшанфикрона ёдовар мешавад:

*Ҳангоме ки «боди ҷанубӣ мевазид», киштӣ, ки мусофираш Павлус буд, бемалол мерафт ва ҳеҷ каси дар болои киштӣ буда намедонист, ки Павлус кист ва дар зери ин афту андоми хеле одӣ чӣ гуна қувваи рӯҳонӣ ниҳон аст. Вале вақте ки боди шадиди эвриклидон якбора сар шуда рафт, бузургии Павлус мавзуи гуфтугӯи ҳамаи дар киштӣ будагон гардид. Расул, ҳарчанд бандӣ буд, дар асл роҳбарии киштиро ба зиммаи худ гирифт, қарор қабул мекард, фармонҳое медод, ки ҳаёт ва мамоти одамонро ифода мекарданд. Ва ба ман чунин менамояд, ки дар вазъияти буҳронӣ дар Павлус сифатҳое падидор гардиданд, ки худи ӯ аз онҳо бехабар буд. Ҳангоме ки туфон хест, назарияи зебо бо қудрат амалӣ гашт.*[74]

**27,27-29** Аз он рӯзе ки онҳо Бандари Некро тарк карданд, чордаҳ рӯз гузашт. Акнун онҳо оҷизона дар ихтиёри мавҷҳо, дар он қисми баҳри Миёназамин байни Юнон, Италия ва Африқо, ки бо номи *баҳри* Иония машҳур буд, овора буданд. *Қарибии нисфи шаб киштиронон пай бурданд, ки хушкие наздик аст.* Шояд, онҳо шуниданд, ки чӣ тавр мавҷҳо ба соҳил бархӯрда истодаанд. Бори аввал чуқуриро чен карда онҳо *муайян карданд,* ки он *бист қомат* (36 метр) будааст, баъд аз чанд муддат чуқурӣ аллакай *понздаҳ қомат* буд. Барои он ки киштиро ба соҳил гирифта напартояд, *онҳо аз думи киштӣ чор лангар андохтанд ва дамидани субҳро мунтазир шуданд.*

**27,30-32** Аз ҳавли ҷони худ баъзе *киштиронон* бо *қаиқ* аз киштӣ гурехтанӣ буданд. Онҳо аллакай қаиқро аз сари *киштӣ* фаровардани шуда, *чунин вонамуд мекарданд,* ки *гӯё* боз ҳам *мехоҳанд лангарҳоро андозанд. Павлус* дар бораи суиқасди онҳо *ба мирисад* хабар дод. *Павлус* хотиррасон кард, ки *агар киштиронон* дар киштӣ *намонанд,* боқимондаҳо наҷот намеёбанд. *Он гоҳ сарбозон танобҳои* қаиқро *буриданд ва он афтод.* Акнун *киштиронон* маҷбур буданд барои халос кардани ҳаёти худ ва низ ҳаёти шахсони дар *киштӣ* буда кӯшиш намоянд.

**27,33-34** Филлипс оятҳои 33-37-ро «нишонаи ақли солими Павлус» меномад. Барои

тамоми ҷиддияти ин лаҳзаро фаҳмидан мо дар ҳақиқат бояд донем, ки туфони сахт дар баҳр чӣ гуна даҳшатнок аст. Инчунин мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Павлус сардори киштӣ набуд, балки яке аз бандиён-мусофирон буд.

Пеш аз субҳидам *Павлус* аз ҳама *хоҳиш кард,* ки чизе бихӯранд; хотиррасон кард, ки онҳо аллакай ду ҳафта *чизе нахӯрдаанд*. Вақти хӯрдан расид; амнияти онҳо ба ҳамин вобастааст. Расул бовар кунонд, ки *мӯе аз сари ҳеҷ яке* аз онҳо *намеафтад*.

**27,35** Баъд худаш ибрат нишон дода, *нонро* гирифта *пеши ҳама Худоро шукргузорӣ кард* ва ба хӯрдан шуруъ намуд. Мо бисёр вақт аз дуо кардан дар назди дигарон шарм мекунем. Вале бисёр вақт чунин дуо нисбат ба мавъизаи дурудароз таъсири зиёдтаре дорад!

**27,36-37** Ба ҳамин тариқ қавидил гашта, онҳо низ нон хӯрданд. Дар киштӣ ҷамъ дусаду ҳафтоду шаш нафар буд.

**27,38-41** Чун аз хӯрок сер шуданд, *гандумро ба об партофта, киштиро сабук карданд. Замин* дар ким-куҷо, дар наздикиҳо буд, *вале онҳо* онро шинохта наметавонистанд. Он гоҳ онҳо қарор доданд, ки бо *киштӣ* ба ҳадди имкон ба соҳил наздик шаванд. Онҳо *лангарҳоро бурида, дар баҳр гузоштанд*. Пас сукконро, ки пештар бардошта шуда буд, кушоданд ва онро барқарор карданд. Онҳо *бодбонро боло кашида, роҳи соҳилро пеш гирифтанд*. Киштӣ ба пастоб *дакка хӯрд. Бинии киштӣ* дар рег дармонд, лекин *думаш* ба зудӣ *аз шиддати мавҷҳо* дарҳам шикаст.

**27,42-44** *Сарбозон барои* нагурехтани бандиён онҳоро *куштанӣ шуданд, вале мирисад барои раҳо кардани Павлус* ба ин кор монеъ шуд. Ӯ ба ҳамаи онҳое ки *шино карда метавонистанд,* фармон дод ба соҳил шино кунанд. *Ба дигарон* гуфт, ки *тахта* ё дигар қисмҳои *киштиро* истифода баранд. Ба ҳамин тариқ ҳамаи киштиронон ва мусофирон *ба саломатӣ ба хушкӣ расиданд*.

**28,1-2** Ҳамин ки маллоҳон ва мусофирон ба соҳил фаромаданд, онҳо фаҳмиданд, ки дар *ҷазираи Малит* мебошанд. Баъзе *аз сокинони ҷазира* киштии шикастаро диданд ва шоҳиди он буданд, ки гирифторони шикасти киштӣ аз об мебароянд. Онҳо барои омадагон *меҳрубонӣ карда, оташ* афрӯхтанд, зеро онҳо аз оби баҳр баромада, дар зери *борон* монда хунук хӯрда буданд.

**28,3** Вақте ки *Павлус* барои оташ афрӯхтан ёрӣ медод, ӯро мори заҳрдор газид. Аз афташ, мор дар чӯбпораи обовард карахт буд. Вақте ки ҳезумро *ба оташ* гузоштанд, *мори* заҳрдор тез зинда шуда ба расул ҳамла кард. Он *ба дасташ часпида,* на танҳо дар гирди он овезон шуд, балки дар ҳақиқат дасти ӯро газид.

**28,4-6** Дар аввал сокинони маҳаллӣ қарор доданд, ки расул бояд *одамкуш* бошад, зеро бо вуҷуди пас аз шикасти киштӣ *раҳо шуданаш ҳам, адолат* ном олиҳа (ба юнонӣ «Дикэ») ӯро ба ҳар ҳол дарёфт кард. Онҳо мунтазир буданд, ки ба зудӣ *баданаш варам мекунад, ё ки ӯ ногоҳ афтода ҷон медиҳад*. Вале азбаски газидани мор ба расул ҳеҷ офате нарасонд, *фикрашон дигаргун шуд* ва онҳо қарор доданд, *ки ӯ худое мебошад*. Ин боз як намунаи барҷастаи ноустуворӣ ва нопойдории дилу хиради одамизод мебошад.

**28,7** Дар он вақт *сардори ҷазираи* Малит *Публиюс буд*. Дар наздикиҳои он мавзеъ, ки гирифторони варшикасти киштӣ он ҷо буданд, замини сардори ҷазира буд. Ин амалдори сарватманди румӣ Павлус ва дӯстони ӯро *се рӯз бо меҳрубонӣ пазироӣ намуд,* то даме ки онҳо ҷои зисти муқимӣ барои гузаронидани зимистон ёфтанд.

**28,8** Некии ин ғайрияҳудӣ мукофотонида шуд. Тахминан дар ҳамин вақт *падари ӯ гирифтори таб ва дарунрав шуда хобида буд. Павлус назди вай рафт ва дуо карда, даст бар вай гузошт ва шифояш дод*.

**28,9-10** Хабари ин шифоёбии мӯъҷизаосо ба зудӣ дар тамоми *ҷазира* паҳн шуд. Дар тули се моҳи баъдина ба назди Павлус беморонро меоварданд ва ҳамаи онҳо шифо меёфтанд. Сокинони Малит расул ва Луқоро[75] иззату эҳтиром карда, ҳангоми аз он ҷо рафтан бо лавозимоти сафар ба Рум таъмин намуданд.

**28,11** *Пас аз се моҳ,* вақте ки зимистон ба охир расид ва шино кардан бехатар гардид, мирисад бо бандиҳои ба ӯ супурдашуда ба *киштии Искандария, ки зимистонро дар ҷазира гузаронда буд,* нишаст. Муҷассамаи пеши ин *киштӣ* (ва номи он ҳам) *Ҷавзо* буд, яъне бародарон-дугоникҳо Кастор ва Поллукс, ки баҳрчиён-бутпарастон онҳоро чун худоҳои ҳимоякунандаи баҳрчиён мепарастиданд.

**28,12-14** Онҳо аз Малит тахминан 145 километр роҳ рафта *ба Сирокуз,* пойтахти Сицилия, ки дар соҳили шарқии он ҷойгир буд,

омаданд. Киштӣ дар он ҷо *се рӯз* истод, пас аз он роҳи худро ба *Ригюн,* ки дар канори ҷануби-ғарбии Италия, дар нӯги «мӯза»-и италиявӣ ҷойгир буд, давом доданд. *Пас аз як рӯз боди* мусоиди *ҷанубӣ вазид* ва ба киштӣ имконияти боз 325 км ба шимол – қад-қади соҳили ғарбии Италия *ба Путюлӣ* рафтанро дод, ки дар соҳили шимолии халиҷи Неапол ҷойгир буд. *Путюлӣ* тахминан 240 км ба ҷануби шарқ аз *Рум* ҷойгир буд. Дар он ҷо расул бародарон-масеҳиёнро *ёфта,* мувофиқи хоҳишашон *ҳафт рӯз* дар назди онҳо буд.

**28,15** Мо намедонем, чӣ тавр хабари ба Путюлӣ омадани Павлус то ба Рум расид. Воқеан ду гурӯҳи *бародарон* ба пешвози ӯ баромаданд. Як гурӯҳ шасту нуҳ километр роҳ рафта ба ҷануби-шарқии Рум, ба *бозоргоҳи Опиюс* омаданд. Гурӯҳи дигар расулро дар масофаи панҷоҳу се километр ба ҷанубу шарқ аз Рум, дар *Се Майхона* пешвоз гирифт. *Павлусро* чунин ифодаи таъсирбахши муҳаббати масеҳиёни румӣ нисбат ба ӯ ба ҳаяҷон овард ва рӯҳбаланд намуд.

**28,16** Баъди ба Рум расидан ба ӯ *иҷозат дода шуд,* ки *бо як сарбоз, ки ӯро посбонӣ мекард,* дар хонаи ҷудогонае *истиқомат кунад.*

### 3. Ҳабси хонагии Павлус ва шаҳодати ӯ ба яҳудиён дар Рум (28,17-31)

**28,17-19** Мувофиқи принсипҳои худаш, яъне пеш аз ҳама ба *яҳудиён* шаҳодат додан, *Павлус* ба пешвоёни динии онҳо даъватнома фиристод. *Ҳангоме ки онҳо* дар хонае ки ӯ иҷора гирифта буд, *ҷамъ омаданд,* Павлус *ба онҳо* фаҳмонд, ки кори ӯ аз чӣ иборат аст. Расул гуфт, ки ҳарчанд ӯ ягон коре *зидди қавми* яҳудиён *ва урфу одати* онҳо *накардааст*, *яҳудиёни Уршалим* ӯро барои муҳокима *ба дасти румиён супориданд*. Ҳокимони ғайрияҳудӣ ягон гуноҳи ӯро ёфта натавониста, *хостанд* ӯро *озод кунанд, вале азбаски яҳудиён мухолифат мекарданд*, расул *маҷбур шуд доварии қайсарро талаб кунад.* Ӯ ин корро на барои *қавми* яҳудиро айбдор кардан, балки барои худашро ҳимоя намудан кард.

**28,20** Маҳз барои ҳамин ки ӯ дар ҳеҷ як ҷинояти зидди қавми яҳудӣ айбдор набуд, пешвоёни яҳудиёни Румро *даъват намуд*. Дар ҳақиқат бошад ӯ *аз барои умеди Исроил бо ин занҷир баста* шуда буд. *Умеди Исроил*, чунон ки дар боло тавзеҳ ёфт, иҷроиши ваъдаест, ки ба нахустпадарони яҳудӣ дода шуда буд, хусусан ваъда дар бораи Масеҳ. Растохез аз мурдагон бо иҷроиши ин ваъдаҳо зич алоқаманд буд.

**28,21-22** Пешвоёни яҳудиён кушоду равшан иқрор шуданд, ки дар бораи расул Павлус ҳеҷ чиз намедонанд. Онҳо *аз Яҳудия* дар бораи ӯ ягон хел *нома нагирифтаанд*, ҳеҷ яке аз яҳудиёни шинос ягон сухани бад дар бораи ӯ нагуфтааст. Вале онҳо дар ҳақиқат аз Павлус бисёртар шунидан мехостанд, зеро медонистанд, ки дар бораи таълимоти масеҳӣ, ки ӯ намояндагӣ мекунад, *дар ҳама ҷо* баҳс мекунанд.

**28,23** Баъд аз чанд муддат яҳудиёни зиёд назди Павлус *ба манзилаш* омаданд, то ӯро шунаванд. Ӯ аз ин имконият истифода бурд, то ки ба онҳо дар бораи *Подшоҳии Худо* шаҳодат диҳад ва *дар бораи Исо далелҳо оварад.* Ин корро карда, ӯ *аз шариати Мусо ва китобҳои пайғамбарон аз субҳ то шом* иқтибос меовард.

**28,24** Баъзеҳо ба шаҳодати ӯ бовар карданд, *дигарон* бошанд *бовар накарданд.* (Нобоварӣ на танҳо ба қабули Хушхабар қобилият надоштан аст. Он ба радкунии қатъӣ ишорат мекунад.)

**28,25-28** Вақте *Павлус* дид, ки яҳудиён бори дигар комилан Хушхабарро рад мекунанд, Ишаъё 6,9.10-ро иқтибос овард, ки дар он пайғамбар бояд ба *қавме* мавъиза мекард, ки *дилашон сахт, гӯшашон вазнин* ва *чашмонашон баста* шудааст. Расул аз расондани Хушхабар ба касоне ки шунидан намехоҳанд, аз нав дилшикастагиро эҳсос кард. Азбаски яҳудиён онро рад карданд, *Павлус* эълон намуд, ки хабари наҷотро ба *ғайрияҳудиён* мебарад ва боварӣ изҳор кард, ки *онҳо* онро *гӯш мекунанд.*

**28,29** *Яҳудиёни* нобовар байни худ *баҳс карда рафтанд*. Чӣ тавре ки Калвин ишорат мекунад, Павлус пешгӯии фошкунандаро иқтибос оварда, хашму ғазаби он бехудоёнро, ки Масеҳро рад карда буданд, ба вуҷуд овард. Чунин фошкунӣ онҳоро бар зидди яҳудиёни ба Исо боваркарда барангехт. Ислоҳотчӣ (Калвин) аз ин хулосаи таҷрибавии зеринро мебарорад:

*Ниҳоят, инро ба асос гирифта изҳор кардан бемаънист, ки Хушхабари Масеҳ баҳсҳо ба вуҷуд меорад, ҳангоме маълум аст, ки ин*

*ҷудоиҳо танҳо аз якравии одам сар мезананд. Дар асл, барои он ки бо Худо дар осоиш зиндагӣ кунем, мо бояд ба муқобили онҳое ки бо Ӯ бе эҳтироми сазовор муносибат мекунанд, ҷанг кунем.*[76]

**28,30** Пас аз ин *Павлус ду соли пурра* дар Рум монда, *дар хонаи иҷорагии худ* мезист ва ба миқдори зиёди онҳое ки назди ӯ меомаданд, мавъиза мекард. Шояд, маҳз дар ҳамин вақт ӯ номаҳоро ба Эфесусиён, Филиппиён, Кулассиён ва ба Филемун навишт.

**28,31** Ӯ *Подшоҳии Худоро мавъиза мекард ва бо тамоми далерӣ дар бораи Исои Масеҳи Худованд бемалол таълим дода* аз озодии кофӣ истифода мебурд.

Китоби Аъмол ҳамин тарз ба охир мерасад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки ин китоб аз ҳад зиёд тез қатъ мешавад. Вале тарҳе ки дар аввали китоби Аъмол гузошта шуда буд, дар ин лаҳза пурра амалӣ гашта буд. Хушхабар дар Уршалим, Яҳудо, Сомара, акнун бошад ба ҷаҳони ғайрияҳудиён низ пахн шуд.

Дар бораи ҳаёти Павлус баъд аз хотимаи ҳодисаҳои дар китоби Аъмол тасвирёфта танҳо аз номаҳои баъдинаи ӯ ҳукм кардан мумкин аст.

Ақидае ҳаст, ки танҳо пас аз ду соли иқомати Павлус дар Рум Нерон кори ӯро гӯш кард ва ҳукми сафедкунанда баровард.

Пас аз он расул боз ба роҳ баромад, ки чун сафари чоруми миссионерӣ машҳур аст. Шояд, дар ин вақт ӯ ин ҷойҳоро дидан намуд (ҳарчанд тартиби овардашуда ҳатмӣ нест):

1. КУЛАССО ва ЭФЕСУС (Филем. 22).
2. МАКДУНИЯ (1Тим. 1,3; Фил. 1,25; 2,24).
3. ЭФЕСУС (1Тим. 3,14).
4. ИСПАНИЯ (Рум. 15,24).
5. КРИТ (Тит. 1,5).
6. ҚУРИНТУС (2Тим. 4,20).
7. МИЛИТУС (2Тим. 4,20).
8. НИКӮПУЛИС, ки дар он ҷо зимистонро гузаронд (Тит. 3,12).
9. ТРӮОС (2Тим. 4,13).

Ба мо маълум нест, чаро, кай ва дар куҷо ӯ ҳабс карда шуд, вале мо медонем, ки ӯ бори дуюм чун бандӣ ба Рум оварда шуда буд. Ин ҳабс аз ҳабси аввала хеле вазнинтар буд (2Тим. 2,9). Ӯро аксарияти дӯстон тарк карданд (2Тим. 4,9-11) ва ӯ медонист, ки соати маргаш аллакай дур нест (2Тим. 4,6-8).

Мувофиқи ривоят, солҳои 67 ё 68 милодӣ дар наздикиҳои Рум сари ӯро аз тан ҷудо кардаанд. Ба сифати мадҳия ба Павлус суханони худи ӯро аз 2Қуринтиён 4,8-10; 6,4-10 ва 11,23-28 овардан мумкин аст ва шарҳи мо ба ин порчаҳои дорои илҳоми илоҳӣ низ ба ӯ хизмат мекунад.

---

## КИТОБИ АЪМОЛ ЧИРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

Мо китоби Аъмолро хонда баромадем ва акнун хуб мешуд боз як маротиба принсипҳо ва таҷрибаи масеҳиёни аввалро ба хотир оварем. Чӣ чиз ҳар як имондорро дар алоҳидагӣ ва калисоҳои маҳаллиро, ки онҳо аъзоёнаш буданд, муайян мекард?

Пеш аз ҳама, комилан равшан аст, ки масеҳиёни асри аввал асосан барои Худованд Исо зиндагӣ мекарданд. Дар маркази ҷаҳонбинии онҳо Масеҳ буд. Маъно ва мақсади мавҷудияти онҳо аз шаҳодат дар бораи Наҷотдиҳанда иборат буд ва онҳо ба ин ҳамаи қувваро мебахшиданд. Дар ҷаҳоне ки муборизаи шадид бахри зиндагӣ мерафт, гурӯҳи боэҳтимоми шогирдон-масеҳиён ба вуҷуд омад, ки пеш аз ҳама Подшоҳии Худо ва ҳақиқати Ӯро меҷустанд. Ҳамаи дигар чизҳо ба ин вазифаи пуршараф тобеъ буданд.

Ҷоветт бо шавқи зиёд зикр мекунад:

*Шогирдон бо як шавқу рағбати муқаддас ва гарму ҷӯшон, ки аз қурбонгоҳи Худо ба онҳо фуруд меомад, ғӯта мегирифтанд. Дар қалби онҳо оташе месӯхт, ки ба тамоми зиндагонии онҳо қувват мебахшид. Ин шуълаи дили расулон оташи дар оташдони лайнери бузург бударо ба хотир меовард, ки аз миёни туфон онро аз болои вартаи ба фурӣ бурдан тайёр мебарад. Ин одамонро ҳеҷ чиз нигоҳ дошта наметавонист. Онҳоро дар роҳ ҳеҷ чиз боздошта наметавонист. Ҳамаи корҳо ва суханони онҳо ба як орзуи бузург тобеъ буданд. Оташе ки ба онҳо гармӣ ва равшанӣ медод, дар вақти бо Рӯҳулқудс таъмид ёфтанашон ба онҳо ато шуда буд.*[77]

Мавзуи марказии мавъизаи онҳо растохез ва ҷалоли Худованд Исои Масеҳ буд. Онҳо бо чашмони худ Наҷотдиҳандаи зиндашударо дида буданд. Одамон Масеҳро куштанд, вале

Худо Ӯро аз мурдагон зинда намуд ва ба Ӯ ҷои аз ҳама боифтихорро дар осмонҳо ато намуд. Ҳама бояд дар назди Ӯ – Одаме ки ба осмон бардошта шуд ва дар тарафи дасти рости Худованд нишастааст, зону хам кунанд. Дигар роҳи наҷот нест.

Дар байни нафрат, бераҳмӣ ва ҳирси дар гирду атроф ҳукмроникунанда масеҳиён муҳаббат ба ҳамаи одамонро намоиш медоданд. Онҳо ба таъқибот бо муҳаббат ҷавоб медоданд ва барои душманони худашон дуо мегуфтанд. Бародардӯстие ки дар байни онҳо ҳукмрон буд, душманонашонро маҷбур мекард, то хитоб кунанд: «Нигаред, чӣ тарз ин масеҳиён якдигарро дӯст медоранд!»

Дар мо таассуроти якхела ба вуҷуд меояд, ки тамоми зиндагонии онҳо ба як мақсад тобеъ гардонида шуда буд – паҳн кардани Хушхабар. Агар гап дар бораи моликияти онҳо равад, онҳо чунин меҳисобиданд, ки ба он танҳо бо супориши Худо роҳбарӣ мекунанд ва соҳибони он намебошанд. Агар дар ягон ҷо ягон эҳтиёҷ ба амал меомад, ба он ҷо ба тезӣ маблағи барои таъмини он зарурбуда дода мешуд.

Силоҳи ҷанговаронаи онҳо ҷисмонӣ набуд, вале аз тарафи Худо пурқувватшуда барои вайрон кардани истеҳкомҳо буд. Онҳо мефаҳмиданд, ки бар зидди пешвоёни динӣ ё сиёсӣ мубориза намебаранд, балки зидди қувваҳои олами торикӣ. Ва бинобар ин онҳо бо имон, дуо ва Каломи Худо мусаллаҳ гардида ба пеш мерафтанд. Бар хилофи ислом, масеҳият дар асрҳои аввалин бо истифодаи зӯрӣ паҳн карда намешуд.

Масеҳиёни аввал аз ҷаҳон ҷудо буданд. Онҳо дар он зиндагӣ мекарданд, вале ба он тааллуқ надоштанд. Онҳо бо шавқу ҳавас бо беимонон робита мекарданд, ба онҳо шаҳодат медоданд, вале ҳеҷ гоҳ дар ҳузуру ҳаловати пургуноҳи ин ҷамъият иштирок карда садоқатеро, ки ба Масеҳ доштанд, ба хатар наандохтаанд. Чун сайёҳ ва мусофир онҳо дар заминҳои бегона мегаштанд, мекӯшиданд баракатро ба ҳама расонанд, вале бо иштирок дар гуноҳҳои онҳо худро ҳаром намекарданд.

Оё онҳо бо сиёсат машғул мешуданд ва ё мекӯшиданд нуқсонҳои иҷтимоии ҷамъияти он замонаро ислоҳ кунанд? Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ҳамаи нуқсонҳо ва ҷиноятҳои ҷамъият аз табиати пургуноҳи одам ба вуҷуд меоянд. Ислоҳотҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба беморӣ таъсир накарда, танҳо аломатҳои онро табобат мекунанд. Танҳо Хушхабар метавонад табиати пургуноҳи одамро тағйир дода, ба моҳияти масъала роҳ ёбад. Бинобар ҳамин онҳо ба чораҳои дуюмдараҷа диққати худро ҷалб намекарданд. Онҳо ҳамеша ва дар ҳама ҷо Хушхабарро мавъиза мекарданд. Ва дар ҳама ҷо, ки Хушхабар ворид мешуд, вай бо худ шифо ва ислоҳро меовард.

Масеҳиён ҳайрон нашуданд, ҳангоме ки таъқиботи онҳо сар шуданд. Ба онҳо интизори ин буданро таълим медоданд. Ба ҷои он ки аз таъқибкунандагони худ қасос гиранд, ё ақаллан худро ҳимоя кунанд, онҳо ба довари боадолат, ба Худо таваккал карданд. Ба ҷои кӯшиши аз мурофиаҳо канораҷӯӣ кардан онҳо дуо мегуфтанд, ки ба онҳо мардонагӣ ато намояд, то ба ҳама касони вомехӯрдаашон оид ба Масеҳ шаҳодат диҳанд.

Дар назди расулон мақсади ба тамоми ҷаҳон мавъиза намудани Хушхабар меистод. Онҳо дар байни мавъизаи Хушхабар дар кишвари худ ва дар сарзаминҳои бегона фарқ намегузоштанд. Майдони амалиёти онҳо тамоми ҷаҳон буд. Вале мавъизаи Хушхабар мақсади ягона, охири вазифаи онҳо набуд: дигар хел карда гӯем, онҳо бо он қаноат намекарданд, ки одамонро назди Масеҳ оваранд ва баъд ин навимононро ба тақдир ҳавола кунанд. Ҳамаи имондорон дар ҷамоатҳои масеҳии маҳаллӣ муттаҳид мегаштанд. Дар ин ҷо онҳо дар Каломи Худо панду насиҳат мегирифтанд, дуо гуфтанро меомӯхтанд ва ба ҳар тарз дар имон устувор мегардиданд. Пас аз он онҳо барои ба дигарон расонидани Хушхабар равона мешуданд.

Маҳз таъсиси ҷамоатҳои маҳаллӣ ба кор хусусияти доимӣ медод ва паҳншавии Хушхабарро дар ҳудуди атроф фароҳам меовард. Ҷамоатҳои маҳаллӣ соҳибихтиёр буданд, яъне худидорашаванда, худпаҳншаванда ва худмаблағгузоранда буданд. Ҳар як ҷамоат ба ҷамоатҳои дигар вобаста набуд, ҳарчанд дар байни онҳо робитаи маънавии наздик мавҷуд буд. Ҳар як ҷамоат мекӯшид дигар ҷамоатҳоро дар заминҳои наздик таъсис намояд. Ва ҳар як ҷамоат аз ҳисоби аъзоёни худ маблағгузорӣ карда мешуд. Ягон хел хазинаи марказӣ, ё ягон хел ташкилоти асосӣ вуҷуд надошт.

Ҷамоатҳо, дар навбати аввал, ба масеҳиён чун паноҳгоҳи маънавӣ хизмат мекарданд, на чун маркази ба имон даъват кардани ғайримасеҳиён. Фаъолияти ҷамоат маросими шикастани нон, парастиш, дуо гуфтан, омӯзиши Навиштаи Муқаддас ва мушоракати имондоронро дар бар мегирифт. Ҷамоатҳо аслан барои мавъизаи Хушхабар маҷлисҳои махсус намегузарониданд, вале дар ҳар ҷое ки имконияти ба ғайримасеҳиён муроҷиат кардан пайдо мешуд, мавъиза мекарданд: дар куништҳо, дар бозорҳо, дар кӯчаҳо, дар зиндонҳо ва дар хонаҳо.

Маҷлисҳо на дар биноҳои махсуси барои ин мақсад сохташуда, балки дар хонаҳои шахсии масеҳиён гузаронида мешуданд. Ин ба ҷамоат дар замонҳои таъқибот тезҳаракатии зарурирo илова мекард ва ба он имкони тез ва осонӣ ба «пинҳонкорӣ гузаштан»-ро медод.

Дар аввал, албатта, ягон хел тақсимот ба равияҳо набуд. Ҳамаи масеҳиён худро аъзоёни Бадани Масеҳ меҳисобиданд ва ҳар як ҷамоати маҳаллӣ қисми ҷамоати умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар байни коҳинон ва аъзоёни қатории ҷамоат тафриқа набуд. Дар ҷамоат ягон кас ба насиҳатгӯӣ, мавъиза намудан, таъмиддиҳӣ ва шикастани нон ҳуқуқи мустасно надошт. Эътироф карда мешуд, ки ҳар як имондор дорои истеъдоди махсус аст ва барои ин аторо инкишоф додан озод аст.

Онҳое ки атои расул, пайғамбар, муждабар, шубон ё муаллим доштанд, кӯшиш намекарданд роҳбари расмии ҷамоат шаванд. Вазифаи онҳо масеҳиёнро дар имон устувор кардан буд, то ки онҳо ҳамин тарз ҳамарӯза ба Худованд хизмат карда тавонанд. Дар замонҳои Аҳди Нав атои махсус – тадҳин бо Рӯҳулқудс одамонро ба хизмат омода месохт. Бо ҳамин шарҳ дода мешавад, ки чаро мардуми одии бесавод ба давраи худ чунин таъсир расониданд. Онҳо «мутахассис» ба маънои имрӯзаи ин калима набуданд, балки мавъизагарони халқии аз боло тадҳиншуда буданд.

Мавъизаи Хушхабар дар китоби Аъмол аксаран бо мӯъҷизаҳо, аломатҳо ва атоҳои гуногуни Рӯҳулқудс ҳамроҳ буд. Ҳарчанд, чунон ки менамояд, мӯъҷизаҳо дар бобҳои аввал нақши аз ҳама муҳимтарро мебозанд, ба амал омадани онҳо то охири китоб давом мекунад.

Ҷамоати маҳаллии фаъолро таъсис дода, расулон ё намояндагони онҳо пиронро таъйин мекарданд – одамонеро, ки бояд чун роҳбарони рӯҳонӣ хизмат мекарданд. Ин одамон шубонони рама буданд. Дар ҳар як ҷамоат якчандтоӣ пирон меҳнат мекарданд.

Дар китоби Аъмол номи «диакон» танҳо чун истилоҳи ифодакунандаи вазифадори рӯҳонӣ кор фармуда намешавад. Вале ҳар хел хизмат барои Худованд бо шакли феълии ин калима низ тасвир карда мешавад, ҳам рӯҳонӣ ва ҳам моддӣ.

Дар ибтидои масеҳият таъмид чун пурра дар об ғӯтонида шудан ба кор бурда мешуд. Аз афташ, имондорон ба зудӣ пас аз имон овардан таъмид мегирифтанд. Дар рӯзи аввали ҳафта шогирдон якҷоя ҷамъ меомаданд, то ки бо шикастани нон Худовандро ёд кунанд. Шояд, ин хизматгузорӣ он қадар расмӣ набуд, чунон ки он ҳозир аксаран ҳаст. Ноншиканӣ одатан бо хӯрокхӯрии умумӣ ё шоми муҳаббат ҳамроҳ буд.

Дар ҷамоати пешина дуогӯӣ нақши бузург мебозид. Он «роҳи ҳаёт» буд, ки ба сӯи Худованд мебарад. Дуо самимӣ, гарму ҷӯшон ва пур аз имон буд. Шогирдон инчунин рӯзаро ба кор мебурданд, то ки ба ҳеҷ ягон чиз диққати худро ҷалб накарда ва ба хоболудӣ наафтода, ҳамаи диққати худро ба чизҳои рӯҳонӣ ҷалб кунанд.

Маҳз пас аз дуо гуфтан ва рӯза гирифтан пайғамбарон ва муаллимони Антокия Барнаббо ва Павлусро барои иҷрои вазифаи махсуси миссионерӣ ба Худо супурданд. То ин дам ҳар дуи онҳо аллакай якчанд муддат ба Худованд хизмат мекарданд. Бинобар ин чунин супоридан унвонгузории расмӣ набуд, балки, аниқтараш, аз тарафи роҳбарони ҷамоат дар Антокия эътироф кардани онро ифода мекард, ки ин одамон дар ҳақиқат аз тарафи Рӯҳулқудс даъват шудаанд. Он инчунин чун далели он хизмат мекард, ки бародарон аз дилу ҷон бо Барнаббо ва Павлус ба вазифаи қабулкардаашон ҳамфикранд.

Ҷамоати маҳаллӣ хизмати он масеҳиёнеро, ки барои мавъизаи Хушхабар ба дигар ҷойҳо равона мешуданд, тафтиш намекард. Онҳо хизмати худро чӣ тарзе ки онҳоро Рӯҳулқудс равона мекард, ҳамон тарз ба ҷо оварда метавонистанд. Вале ба хона баргашта, онҳо ба ҷамоати худ дар бораи он нақл мекарданд,

ки Худованд кори онҳоро чӣ тарз баракат дод.

Дар ин бобат ҷамоат идораи баландтартибот набуд, балки организми зинда буд, ки мувофиқи хости Худованд зиндагӣ мекард ва инкишоф меёфт. Сардори осмонии ҷамоат, Масеҳ, аъзоёни онро роҳбарӣ мекард, онҳо бошанд кӯшиш мекарданд, фаросат, тезҳаракатӣ ва ба роҳбарии Худо зуд ҷавоб дода тайёр буданро нигоҳ доранд. Ба ҳамин тариқ, дар китоби Аъмол мо на тартиби хизмати навишташуда, шахшудамондаро, балки дигаргуншавандагӣ, тару тозагӣ ва набудани карахтиро мебинем. Масалан, қонуни устувор мавҷуд набуд, то ба тартиб дарорад, ки расул чанд муддат бояд дар як ҷой истад. Дар Тасолуникӣ Павлус, эҳтимол, се моҳ истод, дар Эфесус бошад се сол монд. Ҳама чиз ба он вобаста буд, ки барои устувор кардани имондорон то ба дараҷае ки онҳо худашон хизмати масеҳиро давом дода тавонанд, чанд муддат талаб карда мешуд.

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки расулон диққати худро ба шаҳрҳои калон нигаронда, дар он ҷо ҷамоатҳои асосӣ таъсис медоданд, то ки онҳо тавонанд мавъизаи Хушхабарро дар атрофи шаҳр давом диҳанд. Вале ин оё ҳамин хел аст? Оё расулон ягон хел стратегияи ягона ва мукаммал доштанд? Ё онҳо ҳар рӯз ба он ҷое мерафтанд, ки Худованд онҳоро роҳнамоӣ мекард – ҳам ба шаҳрҳои калон ва ҳам ба деҳаҳои хурд?

Шояд, дар китоби Аъмол ба мо бештар он таъсир мебахшад, ки масеҳиёни аввал бо умед мезистанд ва ба роҳнамоии Худованд бовар мекарданд. Бахри Масеҳ онҳо аз ҳама чиз рӯ мегардониданд. Онҳо ба ғайр аз Худи Худованд ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас надоштанд. Бинобар ин онҳо аз Ӯ нишондодҳои ҳаррӯзаро интизор буданд ва Ӯ онҳоро ноумед намекард.

Чунин менамояд, ки дар мавъизагарони сафаркунандаи масеҳӣ дунафарӣ сафар кардан маъмул шуда буд. Аксаран хизматгори хеле ҷавони Худо ҳамроҳ мешуд, ки барои ӯ ин як навъи шогирдӣ буд. Расулон доимо одамони ҷавони имондорро меҷустанд, ки шогирди онҳо шуда метавониста бошанд.

Баъзан хизматгорони Худованд худашон барои таъмини зиндагии худашон кор мекарданд; инчунин, масалан, Павлус бо хайматайёркунӣ машғул буд. Дигар вақт онҳо аз ҳисоби қурбониҳои шахсони алоҳида ё ҷамоат зиндагӣ мекарданд.

Боз як мушоҳидаи муҳим аз он иборат аст, ки масеҳиёне ки бо сардорони рӯҳонӣ паҳлу ба паҳлу меҳнат мекарданд, онҳоро ҳамин хел эътироф мекарданд. Рӯҳулқудс ба ин одамон қувваи махсус ато кардааст. Ва худи ҳамон Рӯҳулқудс ба имондорон қобилияти беихтиёр ин қувваро ҳис карда ба он итоат карданро ато намуд.

Шогирдон ба ҳокимони дунявӣ итоат мекарданд, вале то ҳудуди муайян. Ин ҳудуд манъи мавъизаи Хушхабар буд. Дар ин ҳолат онҳо на ба одамон, балки ба Худо итоат карданро афзал мешумориданд. Вақте ки ҳокимони дунявӣ онҳоро ҷазо медоданд, онҳо муқобилат накарда ва кӯшишиякҷоя ба муқобили ҳокимон баромадан накарда, ба ин ҷазо тоқат мекарданд.

Дар аввал Хушхабар ба яҳудиён мавъиза карда мешуд, пас, ҳангоме ки халқи Исроил Хушхабарро рад кард, он дар байни ғайрияҳудиён паҳн шудан гирифт. Фармони «аввал ба яҳудиён» дар китоби Аъмол таърихан иҷро шуда буд. Имрӯз яҳудиён ва ғайрияҳудиён дар назди Худо баробаранд: Онҳо ҳеҷ фарқе надоранд, зеро ки «ҳама гунаҳкоранд ва аз ҷалоли Худо маҳруманд».

Хизмати ҷамоати пешина бо қудрати бузург алоқаманд буд. Тарси ба ғазаби Худо гирифтор шудан ба одамон имкон намедод, ки худро ба осонӣ ба қатори масеҳиён дохил намоянд. Гуноҳ дар ҷамоат тез ошкор карда мешуд ва баъзан сахт ҷазо дода мешуд, масалан, чун дар мавриди Ҳанониё ва Сафира.

Ҷамъбасти пурра ва охирине ки пас аз омӯхтани китоби Аъмол кардан мумкин аст, чунин аст: Агар мо ибрати масеҳиёни аввалро дар имон, фидокорӣ, садоқат ва хизмати доимӣ ба инобат мегирифтем, Хушхабарро дар давраи мо ба тамоми ҷаҳон паҳн кардан имконпазир мебуд.

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) J. B. Phillips, *The Young Church in Action,* саҳ. VVI.
2. (1,5) Байни растохез ва ба осмон рафтани Масеҳ чил рӯз гузашт. Боз даҳ рӯз то рӯзи Пантикост гузашт. Вале Худованд вақти муайянеро нишон надодааст, эҳтимол, барои он ки шогирдон дар интизории доимӣ бошанд.
3. (1,20) Ин иқтибоси аниқ аз Забур нест, чӣ тарзе ки он дар Навиштаи Муқаддас баён ёфтааст. Ба ин ду сабаби имконпазир ҳаст: а) Муаллифони Аҳди Нав аксар Аҳди Қадимро аз Септуагинта (тарҷумаи юнонии Аҳди Қадим) иқтибос меоваранд, дар ҳоле ки тарҷумаҳои мо аз матни аслии қадимаи яҳудӣ гирифта шудаанд; ин метавонист дар интихоби калимаҳо ба баъзе фарқҳо оварад. б) Чунон ки аксаран рӯй медиҳад, Рӯҳулқудс, муаллифи Аҳди Қадим, онро каме тағйир дода, дар вақти иқтибос овардан дар матни Аҳди Нав озодӣ зоҳир менамояд.
4. (2,4) Ба ғайр аз ин, дар лаҳзаи имон овардан Рӯҳулқудс ба мо ато менамояд: тадҳин (1Юҳ. 2,27), муҳр зада шудан (Эфс. 1,13) ва гарав (Эфс. 1,14). Боз атоҳои дигари Рӯҳулқудс ҳаст, ки ба фармонбардорӣ ва бахшидашавии мо *вобаста аст:* роҳнамоӣ (Аъм. 8,29), шодӣ (1Тас. 1,6) ва қувват (Рум. 15,13).
5. (2,25-27) Биҳишт – худи ҳамон аст, ки «осмони сеюм» (2Қур. 12,2.4).
6. (2,38) Charles C. Ryrie, *The Acts of the Apostles,* саҳ. 24.
7. (2,39) Charles H. Spurgeon, *The Treasury of the New Testament,* ч. I, саҳ. 530.
8. (2,41) Матни НА «бо рағбат»-ро мепартояд.
9. (2,44-45) F. W. Grant, *Acts, The Numerical Bible: Acts to 2 Corinthians,* ч. VI, саҳ. 25,26.
10. (2,46) Ҳар боре мо мехонем, ки Павлус ва дигарон ба парастишгоҳ медаромаданд, ин онро ифода мекунад, ки онҳо ба ҳавлии дарунӣ даромадаанд, на ба Қудс ё Қудси қудсҳо. Ба Қудс танҳо коҳинон даромада метавонистанд. Ба ғайрияҳудиён бошад танҳо ба ҳавлии берунӣ даромадан иҷозат дода мешуд; ба даруннтар дохил шудан бо марг ҷазо дода мешуд.
11. (Руҷуъ) Дар матни интиқодии НА калимаи «ҷамоат» танҳо дар боби 5,11 пайдо мешавад.
12. (Руҷуъ) Merril F. Unger, *Unger's Bible Handbook*, саҳ. 586.
13. (Руҷуъ) E. Stanley Jones, *Christ's Alternative to Communism,* саҳ. 78.
14. (Руҷуъ) G. H. Lang, *The Churches of God,* саҳ. 11.
15. (3,5-6) Суханбозӣ дар забони англисӣ: alms (садақа) ва arms (дастҳо) як хел гуфта мешавад.
16. (4,1-4) Charles Haddon Spurgeon; дигар маълумотҳо нестанд.
17. (4,13) James A.Stewart, *Evangelism,* саҳ. 95.
18. (4,14-18) J. H. Jowett, *The Redeemed Family of God,* саҳ.137.
19. (4,27-28) Тарҷумаи калимаи юнонии «паис» чун «хизматгор» назар ба «Писар» бештар мувофиқ аст (чун дар 3,13.26; 4,30).
20. (4,27-28) George Matheson, *Rest By the River,* саҳ. 75-77.
21. (4,32-35) Grant, *Acts,* саҳ. 34.
22. (4,32-35) Marsh, *Fully Furnished,* саҳ. 74.
23. (4,32-35) Ryrie, *Acts,* саҳ. 36.
24. (5,40) Райрӣ тахмин мекунад, ки ҷазо, эҳтимол, барои итоат накардан ба фармони пешинаи шурои пирон таъйин шуда буд (муқоиса кунед Так. Шар. 25,2.3).
25. (5,41-42) Дар анъанаи дастхатнависӣ дар ин ҷо якчанд вариант ҳаст: «барои исм», «барои номи Ӯ», «барои номи Исо».
26. (6,8) Истефанус «шилшила» ё «гулчанбари зафар»-ро ифода мекунад.
27. (6,10-14) Тартиби калимаҳо ба он ишорат карда метавонад, ки онҳоро бештар ҷалоли Мусо ба ташвиш меандохт, на ҷалоли Худо.
28. (7,9-19) «Шояд, ҳам матнҳои аслӣ ва ҳам матнҳои юнонӣ дурустанд: матни юнонӣ панҷ писари Менашше ва Эфроимро, ки дар Миср (1Вак. 7,14-27) таваллуд шудаанд, дар бар мегирад, ки комилан имконпазир буд ва аксар дар чунин рӯйхатҳо дучор мешуд». Kelly, *Acts,* саҳ. 84.

29. (7,20-43) Daily Notes of the Scripture Union, 31 майи 1969.
30. (8,4-8) Homer L. Payne, *What Is A Missionary Church? The Sunday School Times,* 22-юми феврали 1964, саҳ. 129.
31. (8,12-13) Азбаски дар матн гуфта мешавад, ки Шимъун *«имон овард»* ва аз Петрус хоҳиш кард, ки дар бораи ӯ дуо гӯяд (ояти 24) тахмин карда шуд, ки ӯ наҷот ёфт, вале одами хеле ҷисмонӣ монда буд.
32. (8,26) Шаҳри қадимаи фалиштиён дар соҳили баҳри Миёназамин, дар ҷануби ғарб аз Уршалим дар роҳ аз Фаластин ба Миср.
33. (8,27-29) Хизматгорон-мардони занони ҳокимонро баъзан ахта мекарданд. Ба ахта ҳуқуқ дода намешуд, ки ба табақаи болоии ҷамъияти яҳудиён ворид шавад (Так. Шар. 23,1). Онҳо танҳо макони «навмасликони назди дарвоза»-ро қабул карда метавонистанд. Вале дар ин ҷо хоҷасарой узви комилҳуқуқи ҷамоати масеҳӣ мегардад.
34. (8,27-29) *Кандока,* эҳтимол, унвон (чун фиръавн), на номи одам аст.
35. (8,37) Ҳам дар дастнависҳои қадима (НА) ва ҳам дар дастнависҳои баъдина ин оят мавҷуд нест. Чунин меҳисобиданд, ки ин формулаи таъмид дар аввали асри дуюм дар Рум истифода мешуд, чунки ин ибора дар дастнависҳои ғарбӣ вомехӯрад, аз ҷумла дар тарҷумаи лотинӣ. Шояд, пайравони ғояи зодашавии рӯҳонӣ, ки ба воситаи таъмид ба амал меояд, ин оятро аз даст додан намехоҳанд.
36. (8,38) Аксарияти олимони мазҳаби католикӣ, Калвин ва бисёр дигарон, ки таъмид бо об пошиданро ба кор мебаранд, эътироф мекунанд, ки тариқи қадимтарини таъмид ба об ғӯтондан буд. Вале баҳри ҳақиқат ба ёд овардан зарур аст, ки калимаҳои юнониеро, ки «ба» ва «аз»-ро ифода мекунанд, инчунин «ба сӯи» ва «аз тарафи» тарҷума кардан мумкин аст.
37. (8,40) Ҳабашистон – ягона кишвар дар Африқо аст, ки дар он ҷо анъанаи масеҳӣ аз давраҳои қадим то ба рӯзҳои мо қатъ нашудааст. Эҳтимол, садоқати Филиппус калиде буд, ки дар он ҷо дари Ҷамоатро кушод.
38. (9,1-2) Ниг. инчунин 18,26; 19,9.23; 22,4; 24,14.22.
39. (Руҷуъ) Harnack, иқтибос оварда мешавад аз Leighton Ford, *The Christian Persuader,* саҳ. 46.
40. (Руҷуъ) Dean Inge, иқтибос оварда мешавад аз E. Stanley Jones, *Conversion,* саҳ. 219.
41. (Руҷуъ) Bryan Green, дар ҳамон ҷо.
42. (Руҷуъ) Leighton Ford, иқтибос оварда мешавад аз Jones, *Conversion,* саҳ. 46.
43. (Руҷуъ) James A. Stewart, *Pastures of Tender Grass,* саҳ. 70.
44. (10,1-2) Ryrie, *Acts,* саҳ. 61.
45. (10,3-8) Истеҳсоли чарм бояд берун аз шаҳр ҷойгир карда мешуд. Мувофиқи мулоҳизаҳои санитарӣ соҳили баҳр бисёр хуб буд, ки ба он ҷо мурдаҳои ҳайвонот партофта мешуданд.
46. (11,25-26) James A. Stewart, *Evangelism,* саҳ. 100-101.
47. (12,25) Ҳам дар матни искандариягӣ ва ҳам дар аксари матнҳои дигар *«ба* Уршалим» гуфта мешавад. Азбаски дар боби 13,1 Барнаббо ва Павлус аз нав дар Антокия мебошанд, эҳтимол, нусхабардорон инро ба «аз» иваз кардаанд.
48. (13,3) Donald Grey Barnhouse, *The Measure of Your Faith,* Book 69, саҳ. 21.
49. (13,7-8) Дар нусхаи тоҷикӣ Сарҷиюс Павлус «волӣ» номида мешавад. Унвони аниқи ӯ «проконсул» буд. Луқо номи идораҳо ва вазифаҳоеро, ки дар он замон дар империяи Рум қабул карда шуда буданд, аниқ медонист. Ҳамин тариқ, шахсони вазифадори Филиппиро ӯ ба юнонӣ *strategoi,* ба лотинӣ *praetors* (16,20), мансабдоронро бошад *rhabdouchoi* (лот. *lictors)* меномад. Ҳокимони Тасолуникиро ӯ дуруст *politarchs* (17,6) меномад, дар ҳоле ки ҳамкорони онҳоро дар Эфесус *asiarchs* (19,31) ном мегирад. «Ҳамаи онҳо ҳокимиятро дар ҷойҳо, дар шаҳрҳои гуногун ба амал меоварданд, дар он вақте ки аз болои онҳо волии румӣ (ё проконсул) роҳбарӣ мекард, ки тамоми вилоятҳоро идора мекард. Ба ҳамин тариқ, Луқо, номи аниқи вазифаи ҳар кадоми онҳоро дар ҳар кадом шаҳр оварда, нишон медиҳад, ки дар бораи чӣ сухан ронданашро хеле хуб медонад. Чунин

дақиқкорӣ ба ӯ чун солноманависи боинсоф бовариро меафзояд». – C. E. Stuart, *Tracings from the Acts of the Apostles,* саҳ. 272.

50. (13,19-22) Ниг. Kelly. *Acts,* саҳ. 185, ки дар он масъалаҳои таърихӣ ва матнӣ дида баромада мешаванд.
51. (13,48) Charles R. Erdman, *The Epistle of Paul to the Romans*, саҳ. 109.
52. (14,4-7) Дар ин ҷо ин калима аслан «миссионерон»-ро ифода мекунад.
53. (14,10-12) Ин номҳои юнонӣ дар матни аслӣ истифода бурда шудаанд. Дар баъзе матнҳо номҳои бештар паҳншудаи лотинии ин худоҳо – Юпитер ва Меркурий кор фармуда мешаванд.
54. (14,19-20) Kelly, *Acts*, саҳ. 202.
55. (14,21) Erdman, *Acts,* саҳ. 109.
56. (Руҷуъ) C. A. Coates, *An Outline of Luke's Gospel,* саҳ. 254.
57. (15,20) Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобиданд, ки ин чор манъкунӣ ба Ибодат 17 ва 18 тааллуқ доранд ва маҳз: қурбониҳои бутҳо (17,8.9); зино на танҳо хиёнати заношӯӣ, бисёрзанагӣ (18,20), бачабозӣ (18,22) ва чорвоомезӣ (18,23), вале инчунин ақди никоҳ бо хешутаборони ҳамхун (инсест) (18,6-14) ва ҳатто бо хешутабори ҳамсар (18,15.16); истеъмоли гӯшти ҳайвоноти хафашуда дар хӯрок ё гӯшти ҳайвоноти нодуруст кушташуда (17,15) ва хун (17,10-12). Масеҳиёни яҳудӣ барои худ таҳқир меҳисобиданд, агар медиданд, ки масеҳиёни ғайрияҳудӣ ин қоидаҳоро вайрон мекунанд (Аъм. 15,21).
58. (16,6-8) Ryrie, *Acts,* саҳ. 88-89.
59. (16,9) James Stalker, *Life of St.Paul,* саҳ.78.
60. (16,19-24) A. J. Pollock, *The Apostle Paul and His Missionary Labors,* саҳ. 56.
61. (16,25) G. Campbell Morgan, *The Acts of the Apostles,* саҳ. 389-390.
62. (17,2-3) Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки Павлус дар Тасолуникӣ тақрибан се моҳ буд, ҳарчанд дар куништ танҳо се шанбе таълим дод.
63. (17,16) William Arnot, *The Church in the House: A Series of Lessons on the Acts of the Apostles*, саҳ. 379 ва ғайра.
64. (Руҷуъ) Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки мавъиза дар ҳавлии парастишгоҳ мегузашт.
65. (Руҷуъ) A. B. Simpson, дигар маълумотҳо нестанд.
66. (18,2-3) Dinsdale T. Young, *Neglected People of the Bible,* саҳ. 232-233.
67. (18,18) Сифати феълие ки гирифтани мӯйсарро ифода мекунад, дар матни аслии юнонӣ дарҳол пас аз номи «Акило» ва хеле дур аз номи «Павлус» меистад.
68. (19,8) Stuart, *Tracings,* саҳ. 285.
69. (19,15-16) F. B. Meyer, иқтибос мешавад аз W. H. Aldis, *The Keswick Convention 1934,* саҳ. 60.
70. (19,23-27) *Диана* номи лотинии *Артамиси* юнониест, ки чун олиҳаи ҳосилхезӣ парастиш карда мешуд.
71. (21,23-24) Grant, *Acts*, саҳ. 147.
72. (26,9-11) Дар ин ҷо дар матни юнонӣ, бешубҳа, имперфекти конативӣ кор фармуда шудааст, ки ният ё хоҳишро баён мекунад: «Ман онҳоро маҷбур карданӣ будам ...»
73. (26,29) Morgan, *Acts,* саҳ. 528.
74. (27,21-26) A. W. Tozer, *That Incredible Christian,* саҳ. 134.
75. (28,9-10) Эҳтимол, ки дар қатори қобилияти муъҷизаноки шифобахшии Павлус, Луқо инчунин дониши тиббии худро истифода мебурд. Агар Худованд касби духтурро маъқул намедонист, аз эҳтимол дур аст, ки Ӯ ба табиб навиштани 28% Аҳди Навро (Инҷили Луқо ва китоби Аъмол) месупурд!
76. (28,29) John Calvin, *The Acts of the Apostles,* ҷ. II, саҳ. 314.
77. (Руҷуъ) J. H. Jowett, *Things that Matter Most,* саҳ. 248.

# Рӯйхати адабиёт

Arnot, William.
*The Church in the House: A Series Of Lessons on the Acts of the Apostles.*
New York: Robert Carter & Brothers, 1873.

Blaiklock, E. M.
*The Acts of the Apostles, TBC.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1959.

Calvin, John.
*The Acts of the Apostles, 2 ҷилд.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1977.

Erdman, Charles R.
*The Acts.*
Philadelphia: The Westminster Press, 1919.

Kelly, William.
*An Exposition of the Acts of the Apostles.*
London: C. A. Hammond, 1952.

Martin, Ralph.
*Understanding the New Testament: Acts.*
Philadelphia: A. J. Holman Company, 1978.

Morgan, G. Campbell.
*The Acts of the Apostles.*
New York: Fleming H. Revell Co., 1924.

Rackham, R. B.
*The Acts of the Apostles.*
London: Methuen, 1901.

Ryrie, Charles Caldwell.
*Acts of the Apostles.*
Chicago: Moody Press, 1961.

Stuart, C. E.
*Tracings from the Acts of the Apostles.*
London: E. Marlborough and Company, санааш номаълум.

# НОМАИ ЯЪҚУБ

*[Яъқуб] мавъизагарест, ки чун пайғамбар ... бо забоне сухан мекунад, ки аз ҷиҳати эътимоднокӣ ва қудратмандӣ дар адабиёти масеҳии барвақтӣ амсол надорад, ба ғайр аз нутқи Исо.*

Теодор Зан

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Баҳои пасте ки Мартин Лютер ба Номаи Яъқуб додааст («Номаи комилан хасин»), мутлақо нодуруст аст! Дуруст нафаҳмидани таълимоти Яъқуб оид ба корҳои нек ҳангоми авҷи муборизаи шадиди реформаторҳо бар зидди онҳое ки бо имон ва бо амалҳо наҷот ёфтанро таълим медоданд, боиси хатои Лютер гашт. Ва ӯ ягона шахсе нест, ки номаи аз ҳама аввалини масеҳиёнро қадр накардааст. Баъзеҳо ин китобро «дурдонаҳои ба ришта гузаронидашуда» номида, онро дар назар доштанд, ки дар Нома ҳеҷ гуна бандҳои алоқамандкунанда нестанд, танҳо якчанд қайдҳои хуб кор кардашудаи ба якдигар гузаронида мавҷуданд.

Дар ҳақиқат ин китоби на он қадар калон шоҳасари адабиёти дидактикӣ мебошад. Он обуранги зиёди яҳудиро дорост, ҳатто ҷамъомади масеҳиро «синагога» меномад (2,2 – юн.). Ин калима аз забони юнонӣ гирифта шуда, ҳамагӣ танҳо ҷамъомадро ифода мекард, вале ба зудӣ онро танҳо барои ҷамоатҳои *яҳудӣ* истифода мекардагӣ шуданд, чунон ки ҳозир ҳаст.

Дар панҷ боби кӯтоҳ Яъқуб сӣ маротиба аз табиат мисол меорад, то ки ҳақиқати рӯҳониро тасвир намояд. Дар ин ҷо ҳар як шахс таълимоти Худованди моро ба хотир меоварад.

Ин номаи хеле амалӣ мебошад. Он баъзе мавзуъҳои нофорамро зикр мекунад, ба монанди нигоҳ доштани забон, хатари хушомадгӯӣ ба сарватмандон ва зарурати ба воситаи ҳаётамон нишон додани ҳақиқӣ будани имон.

### II. МУАЛЛИФӢ

Аксари номҳои Навиштаи Муқаддас роҳеро аз ибрӣ ба юнонӣ ва аз он то забони мо тай намуда, тағйир ёфтаанд. Номи «Яъқуб» аз «Яъқӯв»-и яҳудӣ гирифта шуда, ба юнонӣ чун «Иакобос» тарҷума карда мешуд. Номи Яъқуб дар байни яҳудиён хеле маъмул буд ва дар Инҷил чор кас бо чунин ном номбар шудаанд. Ҳар кадоми онҳо чун муаллифи ин нома пешниҳод шуда буданд, вале бо дараҷаҳои гуногуни эҳтимолият ва дастгирии илоҳиётшиносон.

1. *Расул* Яъқуб, писари Забдой ва бародари Юҳанно (Мат. 4,21). Агар расул Яъқуб муаллиф мебуд, пас чунин муддати тулонӣ қабул накардани ин нома ба вуҷуд намеомад (ниг. ба зер). Ба ғайр аз ин, Яъқубро соли 44-уми милодӣ, шояд, пеш аз навишта шудани ин нома, азоб дода кушта буданд.
2. Яъқуб, *писари Ҳалфой* (Мат. 10,3). Ӯ қариб номашҳур аст, ба ҷуз он ки дар рӯйхати расулон буд. Муаллиф худро ба таври одӣ, бе ягон гуна унвонҳои фарқкунанда Яъқуб меномад, ки ин оид ба машҳур будани ӯ дар он замон шаҳодат медиҳад.
3. Яъқуб, *падари Яҳудо* (на Исқариют, Луқ. 6,16). Ин одам боз бештар номаълум буд ва ӯро бе ягон шакку шубҳа хориҷ кардан мумкин аст.
4. Яъқуб, *бародари угайи Худованди мо* (Мат. 13,55; Ғал. 1,19). эҳтимол, маҳз ӯ муаллифи нома мебошад. Ӯ машҳур аст, вале хоксор, зеро хешигарии ҷисмонии худро бо Масеҳ зикр намекунад (ниг. инчунин Муқаддима ба Номаи Яҳудо). Ин одам дар шурои расулон дар Уршалим раисӣ мекард ва то худи марг дар шаҳр монда буд. Ӯ чун масеҳии ниҳоят *яҳудӣ,* ки хеле парҳезгорона умр ба сар мебурд, машҳур

аст. Мухтасар карда гӯем, ҳам таърих (Юсуф), ҳам анъанаҳои калисоӣ ӯро чун масеҳие дар хотир доранд, ки фақат ӯ чунин номаро навишта метавонист.

### Шаҳодати берунӣ

Шаҳодати *берунии* Яъқуб яке аз сусттаринҳо мебошад, зеро ки падарони аввалини калисо ба ӯ танҳо истинод мекунанд, вале аз ӯ иқтибос намеоранд. Дар қонуни Мураторӣ низ шаҳодат нест. эҳтимол, ин барои он рӯй дод, ки нома аз Уршалим ба яҳудиёни шарқӣ фиристода шуда буд ва ба аксарият чунин менамуд, ки гӯё он ба таълимоти Павлус оид ба сафедшавӣ бо имон мухолифат мекунад.

Бо вуҷуди ин ба Яъқуб Кирилли Уршалимӣ, Григорий Назианзин, Афанасий ва Ҷером истинод намудаанд. Евсевий ба мо хабар медиҳад, ки Номаи Яъқуб дар байни он китобҳое буд, ки баъзе масеҳиён ба муқобили онҳо ақидаи худро баён мекарданд *(antilegomena)*, вале худи ӯ ба он чун ба Навиштаи Муқаддас истинод менамуд.

### Шаҳодати дохилӣ

*Шаҳодати дохилӣ* дар бораи муаллиф будани Яъқуб хеле пурқувват аст. Он бо маълумоти мо оид ба услуби Яъқуб дар Аъмол ва Ғалотиён, ҳамчунин бо таърихи диаспора (парокандагӣ), ки аз дигар сарчашмаҳо маълум аст, мувофиқат мекунад. Барои сохтакорӣ ё бофта баровардани чунин китоб ҳеҷ гуна сабаб нест; он ҳеҷ гуна иловаи муҳимро ба таълимоти динӣ дар бар намегирад (дар садаи дуюм ин ба ҳамаи сохтакориҳои бидъатӣ хос аст). Юсуф ба мо хабар медиҳад, ки Яъқуб дар байни яҳудиён ҳамчун шахси ба шариат содиқ обрӯву эътибори хеле хуб дошт, вале ӯро барои шаҳодат оид ба Масеҳи худ, ки он вақт кори манъшуда буд, азоб дода кушта буданд. Ин таърихшиноси яҳудӣ мегӯяд, ки Яъқубро бо фармони саркоҳин Ҳанониё сангсор карданд. Евсевий хабар медиҳад, ки Яъқубро аз манораи парастишгоҳ партофтанд ва баъд бо чӯбдастаҳо то мурданаш заданд. Гегезипп ин ҳар ду нақлро якҷоя мекунад.

Он далел, ки услуби юнонии Номаи Яъқуб барои яҳудии фаластинӣ «аз ҳад зиёд хуб» аст, оид ба тамоман надонистани қобилияти ҳайратангези ақлии халқи интихобшуда шаҳодат медиҳад.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Юсуф менависад, ки Яъқубро дар соли 62 куштанд, ба ҳамин тариқ, нома бояд пеш аз ин ҳодиса навишта шуда бошад. Азбаски дар нома оид ба қарорҳои шурои Уршалим дар солҳои 48 ё 49 милодӣ (дар он Яъқуб раисӣ мекард; Аъм. 15) дар хусуси риояи шариат ҳеҷ чиз гуфта нашудааст, дар ҳама ҷо санаи байни солҳои 45 ва 48 милодӣ қабул карда шудааст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Ин китоб, эҳтимол, аз китобҳои навишташудаи Инҷил аввалин мебошад, бинобар ин обуранги зиёди яҳудӣ дорад ва таълимоти он ба ҳеҷ ваҷҳ ба дигар давра тааллуқ дошта наметавонад. Он ба мо имрӯз қобили қабул ва хеле даркор аст.

Яъқуб барои ба мақсади худ расидан пурра ба таълимоти Худованд Исо дар Мавъизаи болои кӯҳ такя менамояд. Инро ба осонӣ дар муқоисаи зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

| Мавзуъ | Яъқуб | Мазмуни мувозӣ дар Матто |
|---|---|---|
| Замони машаққат | 1,2.12; 5,10 | 5,10-12 |
| Дуо | 1,5; 4,3; 5,13-18 | 6,6-13; 7,7-12 |
| Дидаи беғубор | 1,8; 4,8 | 6,22.23 |
| Сарват | 1,10.11, 2,6.7 | 6,19-21.24-34 |
| Хашм | 1,19.20; 4,1 | 5,22 |
| Шариат | 1,25; 2,1.12. 13 | 5,17-44 |
| Эътирофи холӣ | 1,26.27 | 6,1-18 |
| Шариати шоҳона | 2,8 | 7,12 |
| Марҳамат | 2,13 | 5.7 |
| Имон ва амалҳо | 2,14-26 | 7,15-27 |
| Реша ва ҳосил | 3,11.12 | 7,16-20 |
| Ҳикмати ҳақиқӣ | 3,13 | 7,24 |
| Мусолиҳакунандагон | 3,17,18 | 5,9 |
| Ҳукм бар дигарон | 4,11.12 | 7,1-5 |
| Нест шудани ганҷҳо | 5,2 | 6,19 |
| Қасамҳо | 5,12 | 5,33-37 |

Дар ин нома истинодҳои зиёд ба шариат дучор мегардад. Он «шариати комил» (1,25) «шариати шоҳона» (2,8) ва «шариати озодӣ» (2,12) номида мешавад. Яъқуб чунин таълим намедиҳад, ки хонандагони ӯ барои наҷот ёфтан

дар зери шариат ё қоидаҳои ҳаётӣ мебошанд. Аниқтараш, қисмҳои шариат чун панду насиҳат оид ба росткорӣ барои дар зери файз будагон иқтибос оварда мешаванд.

Номаи Яъқуб бо китоби Масалҳо монандии зиёде дорад. Чун дар Масалҳо, услуби ӯ дуруштнамо, пуробуранг, ифоданок ва таҳлилаш душвор аст. Калимаи *«ҳикмат»* зуд-зуд вомехӯрад.

Калимаи дигари асосӣ дар Номаи Яъқуб – *«бародарон»* мебошад. Он 15 маротиба вомехӯрад ва ёдрас мекунад, ки Яъқуб ба масеҳиён менависад, ҳатто агар баъзан чунин намояд, ки ӯ ба беимонон низ муроҷиат мекунад.

Дар Инҷил Номаи Яъқуб ба андозае бештар аз ҳама ҳукмравоёна аст. Яъне Яъқуб нисбат ба дигар муаллифон зиёдтар панду насиҳат медиҳад. Дар матни кӯтоҳ – дар 108 оят – панҷоҳу чор панду насиҳат мавҷуд аст (дар шакли амр).

## Нақша

I. САЛОМ (1,1)
II. ОЗМОИШҲО ВА ВАСВАСАҲО (1,2-17)
III. КАЛОМИ ХУДО (1,18-27)
IV. САРЗАНИШИ РӮЙБИНӢ (2,1-13)
V. ИМОН ВА АМАЛҲО (2,14-26)
VI. ЗАБОН: ИСТИФОДА ВА СУИИСТИФОДА (3,1-12)
VII. ХИРАДИ ҲАҚИҚӢ ВА БАРДУРӮҒ (3,13-18)
VIII. ҲАВАСҲО: САБАБ ВА ХАЛОСӢ (Б. 4)
IX. САРВАТМАНДОН ВА ПУШАЙМОНИИ ОЯНДАИ ОНҲО (5,1-6)
X. ДАЪВАТ БА ПУРСАБРӢ (5,7-12)
XI. ДУО ВА ШИФО ЁФТАНИ БЕМОР (5,13-20)

## Тафсир

### I. САЛОМ (1,1)

**1,1** Муаллиф худро чун *Яъқуб, бандаи Худо ва Исои Масеҳи Худованд* муаррифӣ мекунад. Муаллиф, чунон ки мо тахмин мекунем, бародари угайи Худованд буд, пас, дар зиндагии ӯ тағйиротҳои аҷиб рӯй додаанд. Замоне ӯ ба Худованд Исо бовар намекард (Юҳ. 7,5). Шояд ӯ ба ақидаи аз ақл бегона шудани Исо ҳамфикр буд (Марқ. 3,21). Вале Худованди мо босаброна тухми суханро пароканда мекард. Ҳарчанд Ӯро ба эътибор намегирифтанд, Ӯ принсипҳои бузурги Подшоҳии Худоро таълим медод. Ва тухмӣ дар ҳаёти Яъқуб реша давонд. Дигаргуниҳои муҳим ба вуқуъ омаданд. Шаккок банда гашт. Ва ӯ аз сухан рондан оид ба ин шарм намедошт!

Худро *бандаи Худо ва Худованд Исои Масеҳ* номида, Яъқуб *Худо* ва *Худованд Исоро* дуруст дар пояи мувофиқ ҳамчун баробар мегузорад. Ӯ Писарро эҳтиром мекунад, ҳамон тарзе ки Падарро эҳтиром мекунад (Юҳ. 5,23). Яъқуб медонист, ки «ҳеҷ кас ба ду хоҷа хизмат карда наметавонад» (Мат. 6,24). Ва ба ҳар ҳол дар бораи худ чун оид ба бандаи Худо ва Худованд Исо сухан меронд. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна мухолифат нест, зеро ки Худо Падар ва Худо Писар баробаранд.

Нома ба *дувоздаҳ қабила* ирсол шудааст, ки *пароканда мебошанд,* таҳтуллафзан: пароканда дар хориҷа (юн. «диаспора»). Ин одамон яҳудиёне буданд, ки ба *дувоздаҳ қабилаи* исроилиҳо тааллуқ доштанд. Барои гуноҳи Исроил онҳо аз замини худашон бадарға шуда, дар кишварҳои баҳри Миёназамин пароканда шуда буданд. Парокандашавии *якум* соли 721 то милод ба вуқуъ омад, вақте ки даҳ сибт аз тарафи ашшуриён ба асирӣ бурда шуданд. Баъзе аз онҳо, вале на ҳамаашон, дар рӯзҳои Эзро ва Наҳемё ба ватанашон баргаштанд. Дар рӯзи Пантикост яҳудиёни худотарс аз тамоми кишварҳои ҷаҳони он замона ба Уршалим меомаданд (Аъм. 2,4). Онҳо метавонистанд ҳақиқатан яҳудиёни дар парокандагӣ буда номида шаванд. Вале боз дертар парокандашавии яҳудиёни *масеҳӣ* воқеъ шуда буд. Дар Аъмол

8,1 мо мехонем, ки масеҳиёни аввалин (асосан яҳудинажодон) аз сабаби таъқиботи Шоул дар ҳама ҷо берун аз ҳудуди Яҳудо ва Сомария пароканда шуда буданд. Ин парокандашавӣ боз як маротиба дар он ҷое ки мо оид ба диндорони ба Финиқия, Қиприс ва Антокия рафта мехонем, зикр гардидааст. Бинобар ин Яъқуб эҳтимолан ба ҳамаи одамоне менавишт, ки дар ҳар як давраи ин вақтҳои пурошӯб пароканда шуда буданд.

Азбаски ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ дар ин ҷаҳон ғариб ва мусофиранд (Фил. 3,20; 1Пет. 2,11), мо метавонем ин номаро барои худ истифода барем, ҳатто агар он бевосита барои мо навишта нашуда бошад ҳам.

Саволи боз ҳам мушкилтар: оё Яъқуб ба яҳудиёни ғайримасеҳӣ, ба яҳудиёни ба Масеҳ имондошта, ё ҳам ба ину ҳам ба он муроҷиат мекунад? Пеш аз ҳама, муаллиф ба масеҳиёни ҳақиқатан аз олами боло зодашуда менависад (1,18). Аммо таассуроте ба амал меояд, ки дар баъзе порчаҳо ӯ ба шахсоне муроҷиат мекунад, ки танҳо бо ном масеҳӣ ҳастанд, дар порчаҳои дигар ҳатто ба шахсони тамоман беимон. Ин яке аз далелҳои санагузории аз ҳама барвақти нома аст: байни яҳудиёни масеҳӣ ва яҳудиёни беимон ҳанӯз фарқи сахт набуд.

## II. ОЗМОИШҲО ВА ВАСВАСАҲО (1,2-17)

**1,2** Дар ин қисм Яъқуб оид ба васваса менависад. Ӯ калимаро дар ду маънои гуногун истифода мебарад. Дар оятҳои 2-12 васвасаҳо гуфта *озмоишҳои* муқаддас ё вазъиятҳои мураккаберо номидан мумкин аст, ки Худо моро барои санҷидани ҳақиқӣ будани имонамон ва ба Масеҳ монандтар шуданамон ба онҳо дучор мекунад. Дар оятҳои 13-17, баръакс, оид ба «васвасаҳои нопок», ки аз дарун мебароянд ва ба гуноҳ мебаранд, сухан меравад. Ҳаёти масеҳӣ пур аз мушкилот аст. Онҳо бе даъват ва ногаҳон меоянд. Баъзан якто-якто, баъзан ҳамаашон як ҷо ҷамъ меоянд. Онҳо ногузиранд. Яъқуб намегӯяд: «Агар *ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед»* балки: *«вақте ки»*. Мо ҳеҷ гоҳ ба онҳо рӯ ба рӯ нашуда наметавонем. Масъала дар он аст, ки мо бо онҳо чӣ кор карданием?

Якчанд навъи имконпазири муносибат ба ин озмоишҳо ва васвасаҳои ҳаётӣ ҳаст. Мо метавонем ба муқобили онҳо бархоста (Ибр. 12,5), онҳоро ба майдон талабем ва худситоӣ кунем, ки бо қувваи худ то ғалаба мубориза мебарем. Ё, баръакс, мо метавонем рӯҳафтода шавем, ё зери таъсири онҳо таслим шавем (Ибр. 12,5). Ин тақдирпарастии маҳз аст. Он беимониро ба он ки Худованд дар бораи мо ғамхорӣ мекунад, ба вуҷуд меорад. Ва он гоҳ мо аз мусибатҳои худ менолем ва шикоят мекунем. Павлус дар 1Қуринтиён 10,10 моро маҳз дар ин бора огоҳӣ медиҳад. Интихоби дигар – мо метавонем ғами худамонро хӯрда, фақат оид ба худ фикр кунем ва кӯшиш намоем, ки ҳамдардии дигаронро ба даст оварем. Вале беҳтар аст, ки мо аз душвориҳо ва бесарусомониҳои зиндагӣ таълим гирем (Ибр. 12,11). Ҷавобан ба онҳо мо гуфта метавонем: «Худо иҷозат дод, ки ин озмоиш ба сари ман афтад. Он ба ман бо нияти нек фиристода шудааст. Ман намедонам, ки Худо дар ин маврид чӣ мақсад дорад, вале кӯшиш мекунам онро муайян кунам. Ман мехоҳам, ки мақсадҳои Худо дар ҳаёти ман иҷро гарданд». Яъқуб маҳз чунин нуқтаи назарро тарафдорӣ менамояд: *«Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор мешавед, инро барои худ шодии бузург ҳисоб кунед»*. Эътироз накунед! Ҷасур бошед! Шодӣ кунед! Ин мушкилот душманоне нестанд, ки шуморо несту нобуд кардан мехоҳанд. Онҳо дӯстонеанд, ки омадаанд, то барои инкишоф додани хислати масеҳиёна ба шумо ёрӣ диҳанд.

Худо ҳар кадоме аз фарзандони Худро шабеҳи Масеҳ кардан мехоҳад. Ин равиш, албатта, аз пайи худ ранҷу азоб, ноумедӣ ва ҳайратро меорад. Самари Рӯҳро дар шароити некӯаҳволии пай дар пай ба даст овардан мумкин нест, бояд борон ва абрҳои тира низ бошанд. Мусибат ҳеҷ гоҳ хурсанд намекунад; онҳо хеле пурмашаққат ва ногувор менамоянд. Вале дар натиҷа ин душвориҳо ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоваранд (Ибр. 12,11). Аксаран мо мешунавем, ки масеҳие ки ягон ҳодисаи фавқулода пуризтиробро аз сар гузаронидааст, мегӯяд: «Ин осон набуд, вале ман таҷрибаи ба даст овардаамро ба ягон чиз иваз намекунам».

**1,3** Яъқуб дар бораи *имтиҳони имони шумо* сухан меронад. Ӯ имонро бо фулузи гаронбаҳо муқоиса менамояд, ки Заргар (Худо)

барои муайян кардани ҳақиқӣ буданаш меозмояд. Ин фулуз ба оташи таъқибот, бемориҳо, азобу уқубат ва ғам гирифтор мешавад. Бе мушкилот мо ҳеҷ гоҳ пурбардошт намешавем. ҳатто одамони ҷаҳон мефаҳманд, ки душвориҳо хислатро устувор мегардонанд. Чарлз Кеттеринг, саноатчии машҳур, боре гуфтааст: «Мушкилот – нархи инкишоф аст. Ба ман ба ғайр аз мушкилот чизе наоваред. Хабарҳои хуш маро суст мекунанд».

**1,4** *«Ва сабр бошад бояд амали комил дошта бошад»,* – мегӯяд Яъқуб. Вақте ки мушкилот меоянд, мо ба ноумедӣ меафтем ва тайёрем бо ҳар восита аз онҳо тезтар халос шавем. Ба ҷои он ки аз Худованд пурсем, ки Ӯ дар ин ҳолат чӣ мақсад дорад, мо, масалан, назди духтур медавем ва миқдори зиёди доруҳоро фурӯ мебарем, то таъсири озмоишро суст кунем. Ҳамин тарз рафтор намуда, мо амалан нақшаи Худоро дар зиндагии худ вайрон мекунем. Ва дар натиҷа дар оянда, эҳтимол, ба озмоиши дуру дарози зиёдтаре дучор шуданамон лозим меояд, то ки мақсади махсуси Ӯ дар мо ба амал ояд. Мо набояд ба инкишофи пурсабрӣ дар зиндагии худ мухолифат намоем. Бо Худо ҳамкорӣ карда, мо масеҳии пухта, ҳақиқӣ, бе ягон *камбудие* дар файзи Рӯҳ мешавем.

Аз озмоишҳо гузашта, мо ҳеҷ гоҳ ба рӯҳафтодагӣ ва ноумедӣ набояд афтем. Барои Падари мо мушкилоти аз ҳад зиёд вуҷуд надорад. Дар зиндагӣ мушкилоти бартарафнашаванда ҳам мавҷуданд. Мо бояд онҳоро чун атои неки Ӯ қабул кардан ва ба кифоя будани файзи Ӯ бовар карданро омӯзем. Павлус се маротиба аз Худованд илтиҷо кард, ки аз ӯ бемории ҷисмониро дур кунад. Худованд онро дур накард, вале ба Павлус марҳамати ба он тоб оварданро ато намуд (2Қур. 12,8-10).

Ҳангоми дучор омадан бо озмоишҳои ҳаётие ки Худо бартараф карданӣ нест, мо бояд ба хости Ӯ итоат кунем. Духтарчаи ҳаштсолаи боистеъдоди нобино чунин суруд эҷод кардааст:

*То чӣ андоза хушбахт аст ҷонам,*
*Ҳарчанд нобино ҳастанд чашмонам.*
*Ман қарор додам, ки дар ин олам*
*Сабру қаноат пеша намоям.*
*Ҳаловат дорам аз баракатҳо,*
*К-аз он маҳруманд дигар шахсҳо.*
*Аз нобиноӣ ман наменолам,*
*Боке надорам, ғам намехӯрам.*

Фаннӣ Кросбӣ

Осоиш ба воситаи итоаткорӣ ба хости Худо меояд.

Вақте ки мо аз мушкилот дарси ибрат мегирем, баъзеи онҳо аз ҳаёт бартараф мешаванд. Ҳамин ки Устои рехтагар акси Худро дар фулузи рехташуда мебинад, Ӯ ҳарорати баландро хомӯш мекунад. Ба аксари мо хирадмандӣ намерасад, то нохушиҳои зиндагиро аз нуқтаи назари Худо муоина кунем. Баногоҳ дар мо кӯтоҳандешӣ пайдо мешавад, ки ба мо нороҳатӣ меоварад. Мо фаромӯш мекунем, ки ниятҳои дурандешонаи Худо аз он иборатанд, ки ба мо ба воситаи фишор вусъат диҳад (ниг. Заб. 4,2).

**1,5** Мо набояд ба мушкилоти зиндагӣ бо хиради худ рӯ ба рӯ шавем. *Агар* дар давраи озмоишҳо мо норасоии фаҳмиши рӯҳониро эҳсос намоем, пас бояд назди Худо равем ва ба Ӯ ҳама чизро оид ба мушкилот ва ҷаҳолати худ хабар диҳем. Ҳар кӣ ба ҳамин тариқ дар озмоишҳо ёфтани мақсади Худоро меомӯзад, *бо саховат* мукофотонида мешавад. Вай набояд ғусса хӯрад, ки Худо ӯро сарзаниш мекунад; Ҳангоме ки мо меомӯзем ва итоат мекунем, Ӯ розӣ аст. Ба ҳамаи мо *ҳикмат* намерасад. Навиштаи Муқаддас ба ҳамаи саволҳои бешумори дар ҳаёт пайдошаванда ҷавобҳои муайян намедиҳанд. Ҳарчанд дар он чизи хеле бисёр гуфта шудааст, вай мушкилотро ҳал намекунад; вале Сухани Худо ба мо принсипҳои умумиро пешниҳод мекунад. Мо бояд ин принсипҳоро дар мушкилоте ки ҳар рӯз ба вуҷуд меоянд, татбиқ намоем. Маҳз барои ҳамин мо ба ҳикмат эҳтиёҷ дорем. Хиради рӯҳонӣ истифодаи амалии таълимоти Худованди мо дар вазъиятҳои ҳаррӯза аст.

**1,6-8** Мо бояд ба Худо *бо имон, ҳеҷ шакку шубҳа надошта* наздик шавем. Мо бояд бовар кунем, ки Ӯ моро дӯст медорад, дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад ва бо Ӯ ҳеҷ чизи ғайриимкон нест. Агар мо ба некӯӣ ва қувваи Ӯ шубҳа дошта бошем, пас, ҳангоми озмоиш ҳеҷ гуна устуворӣ ба даст намеоварем. Ба ваъдаи Ӯ умедвор шуда, мо метавонем муддате осуда бошем, вале лаҳзае нагузашта ба мо чунин менамояд, ки Худо оид ба марҳаматаш фаромӯш кардааст. Мо ба мавҷҳои пуризтироб ва ҷавлонзанандаи *баҳр* монанд хоҳем шуд, ки ба баландиҳои азим бардошта шуда ва баъд аз он ба поён меафтад. Имоне ки байни зиндадилӣ ва рӯҳафтодагӣ худро ин сӯ он сӯ мепартояд,

Худоро ҷалол намедиҳад. Ӯ ба чунин одамони дудила ва ноустувор фаҳмиши Илоҳиро ато карда наметавонад (о. 7.8). Мувофиқи оятҳои 5-8, манбаи хирад Худост; ҳикматро дар дуо мегиранд; он ба ҳар кас дастрас аст; он ба осонӣ ва бе ягон таъна дода мешавад; шарти асосии ба даст овардани он *ҳеҷ шубҳа надошта, бо имон талабидан* аст.

**1,9** Дар назари аввал, оятҳои 9-11 комилан ба мавзуи нав бахшида шудаанд, ё ба ҳар ҳол, чун як навъ замима хизмат мекунанд. Аммо Яъқуб озмоишҳои муқаддасро дар мисолҳои муайян дида мебарояд. Ҳар як шахс, камбағал ё сарватманд, аз мусибат ва буҳронҳои зиндагӣ фоидаи рӯҳонии фаромӯшнашаванда гирифта метавонад. Масалан, вақте ки *бародари залил* қонеъ нест ва шасташ гаштааст, ӯ ҳамеша метавонад аз он шод бошад, ки ӯ ворисі Худо ва ҳамирси Исои Масеҳ аст. Ӯ метавонад дар он ҳақиқате тасалло ёбад, ки ҳама чиз ба ӯ тааллуқ дорад; ӯ ба Масеҳ тааллуқ дорад ва Масеҳ – ба Худо. Чунин намуданаш мумкин аст, ки *бародари залил* вазъиятеро ки ӯро залил мекунад, тамоман назорат намекунад. Ҳеҷ гуна сабабе нест гумон кунем, ки ӯ танбал ва мусоҳилакор аст. Вале Худо лозим донист ӯро дар байни одамони дараҷаи даромадашон паст ҷойгир кунад ва бинобар ин вай дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Шояд, агар ӯ сарватманд мебуд, ҳеҷ гоҳ Масеҳро қабул намекард. Акнун бошад, вақте ки ӯ дар Масеҳ аст, ӯ аз ҳама баракатҳои рӯҳонӣ дар осмон бархурдор аст. Ӯ бояд чӣ кунад? Оё ӯ бар зидди вазъияти худ эътироз баён кунад? Оё ӯ сангдил шавад ё ҳасад барад? Не, ӯ бояд шароитеро, ки бар он ҳеҷ гуна қудрат надорад, аз Худо қабул намояд ва барои баракатҳои рӯҳонии худ шод бошад.

Масеҳиёни зиёде дар зиндагӣ аз ҷинси худ, синну соли худ, қад ва ҳатто ҳаёти худ норозигӣ баён мекунанд. Духтароне ки футболро дӯст медоранд, мехоҳанд писар бошанд. Ҷавонон мехоҳанд калонсолтар бошанд, муйсафедон бошанд ҷавон будан мехоҳанд. Одамони қадпаст ба қадбаландон ҳасад мебаранд, қадбаландон бошанд он қадар намоён будан намехоҳанд. Баъзеҳо ҳатто мегӯянд: «Чӣ хел ман мурдан мехостам!» Ҳамаи ин бемаънист! Муносибати масеҳӣ онро дар назар дорад, ки ҳамаи он чиро, ки мо тағйир дода наметавонем, аз Худо қабул кунем. Ин тақдирест, ки онро Худо бароямон муайян кардааст ва мо бояд онро барои ҷалоли Ӯ ва баракати дигарон то ба ҳадди охирин истифода барем. Мо бояд якҷоя бо расул Павлус гӯем: «Аммо бо файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам» (1Қур. 15,10). Ҳангоме нуқсонҳои худро фаромӯш карда, ба дигарон хизмат мекунем, мо мефаҳмем, ки одамони рӯҳонӣ моро, масалан, на барои намуди зоҳириамон дӯст медоранд, балки барои он ки мо аз худ чиро таҷассум менамоем.

**1,10-11** Баъд Яъқуб ба *сарватманд* рӯ меоварад. Вале хеле аҷиб аст, ки ӯ намегӯяд: «Бигзор сарватманд бо сарвати худ худситой кунад». Ӯ мегӯяд, ки сарватманд бо бечорагии худ худситой карда метавонад. Ӯ бо Ирмиё 9,23.24 розӣ аст:

*Бигзор хирадманд бо хиради худ наболад ва зӯровар бо зӯри худ наболад ва сарватдор бо сарвати худ наболад. Балки каси боланда фақат бо ин биболад, ки Маро фаҳм мекунад ва мешиносад, ки Ман Парвардигор ҳастам, ки марҳамат, инсоф ва адолатро бар замин ба амал меоварам, зеро фақат ҳамин барои Ман матлуб аст, мегӯяд Парвардигор.*

Дар асл сарватманд сабаби ҳақиқии болиданро ёфта метавонад, агар аз моликияти моддии худ маҳрум шавад. Шояд, нобарориҳои соҳибкориаш ӯро назди Худованд меоваранд. Вале агар ӯ аллакай масеҳӣ бошад, пас метавонист торочи дороии худро бо шодӣ қабул намояд, чун медонад, ки дар осмонҳо дороии беҳтарин ва бобақо дорад (Ибр. 10,34). Сарватҳои заминӣ чун *гули алаф* мегузаранд (Иш. 40,6.7). Агар инсон танҳо дорои сарватҳои моддӣ бошад, пас ҳамаи нақшаҳои ӯ дар гӯр ба охир мерасанд. Яъқуб дар пажмурдашавии *алаф* чун намунаи ҳаёти тезгузарандаи шахси сарватманд ва маҳдудияти арзиши сарвати ӯ истода мегузарад. Вай *дар роҳҳои худ пажмурда мешавад.* Моҳият дар он аст, ки ба сарватҳои *рӯҳонӣ* на офтоб зарар расонида метавонад, на боди сӯзонанда. Ҳар гуна озмоише ки моро аз дилбастагӣ ба чизҳои гузаранда дур мекунад ва ҷидду ҷаҳди моро ба чизҳои осмонӣ устувор мегардонад, баракати пинҳонӣ мебошад. Ба ҳамин тариқ, худи ҳамон файзе ки бечораро боло мебардорад, сарватмандро бечора мегардонад. Ҳар ду барои шодмонӣ сабаб мебошанд.

**1,12** Дар хотимаи муҳокимаи имтиҳонҳои муқаддас Яъқуб ба одаме ки мушкилиҳоро

аз сар мегузаронад, баракат эълон менамояд. Одаме, ки ба озмоиш тоб овард, *озмуда шуда, тоҷи ҳаётро ба даст меоварад. Тоҷ* ин ҷо – на ороиши шоҳӣ, балки тоҷи ғолиб аст, ки бо он ҳар кас дар пеши Курсии Доварии Масеҳ мукофотонида мешавад. Мо ҳаргиз чунин намешуморем, ки ҳаёти ҷовидонӣ мукофот барои имтиҳонҳои дуру дароз аст, вале онҳое ки мардона онҳоро аз сар гузарониданд, барои ин ҳаёт мукофотонида мешаванд ва аз эҳсоси амиқтари ҳаёти ҷовидонӣ дар осмонҳо ҳаловат хоҳанд бурд. Дар осмонҳо ҳамаи ҷомҳо пур хоҳанд шуд – вале ин ҷомҳо андозаҳои гуногун хоҳанд дошт – яъне одамон ба андозаҳои гуногун аз осмонҳо ҳаловат хоҳанд бурд. Шояд, дар зери ифодаи *«тоҷи ҳаёт»* ҳамин дар назар дошта шудааст; он ба ҳаловати боз ҳам пурратар аз зебоии осмонӣ дахл дорад.

Акнун биёед ин оятҳоро оид ба имтиҳонҳои муқаддас бо таҷрибаи ҳаётамон мувофиқат мекунонем. Мо ба имтиҳоноти гуногуни ҳаёт чӣ гуна эътино мекунем? Мо аз нобарориҳо ба алам шикоят мекунем, ё шодӣ мекунем ва барои онҳо ба Худованд шукр мегӯем? Мо ба имтиҳонҳои худамон диққатро ҷалб менамоем ё онҳоро бо осудагӣ аз сар мегузаронем? Мо бо умеди оянда, дар интизории беҳтар шудани вазъият зиндагӣ мекунем, ё бо ҳозира, дар ҳама ҳодисаҳое ки бо мо рӯй медиҳанд, дасти Худоро дидан хоста, зиндагӣ мекунем? Мо барои худ таассуф мехӯрем ва ҳамдардӣ меҷӯем, ё пурра ба хизмат ба дигарон дода мешавем?

**1,13** Акнун дар бораи васвасаҳои нопок сухан меравад (о. 13-17). Ҳамон тавре ки имтиҳонҳои муқаддас барои ошкор кардани хубие ки дар мо ҳаст, муқаррар шудаанд, ҳамчунин озмоишҳои ба гуноҳ водоркунанда барои ёфтани чизҳои бадтарин дар мо муқаррар шудаанд. Бояд инро аниқ муайян кард: вақте ки васвасаи гуноҳ бар мо ғолиб мебарояд, озмоиш на аз *Худо* бармеояд. Худо месанҷад ё меозмояд, ки имони одамон ба чӣ андоза пурқувват аст, вале ҳеҷ гоҳ одамро барои содир кардани ягон хел бадӣ ба васваса намеандозад. *Ӯ Худаш* ба васвасаи *бадӣ* дода намешавад ва ҳеҷ касро ба гуноҳ васваса намекунад.

**1,14** Одам ҳамеша тайёр аст ҷавобгариро барои гуноҳҳои худ ба ягон каси дигар бор кунад. Агар ӯ Худоро гунаҳкор карда натавонад, пас нуқтаи назари психологияи ҳозиразамонро истифода бурда, чунин мегӯяд, ки гуноҳ беморист. Ҳамин тариқ ӯ умедвор аст аз доварӣ халос шавад. Вале гуноҳ на бeморӣ, балки шикасти ахлоқист, ки одам барои он ҷавобгар аст. Баъзеҳо ҳатто мекӯшиданд айбро барои гуноҳ ба предметҳои беҷон бор кунанд. Вале чизҳои моддӣ худ аз худ бегуноҳанд. Гуноҳ аз онҳо барнамеояд. Яъқуб шерро то лонааш мушоҳида намуда, мегӯяд: *«Балки ҳар кас саргарм ва фирефтаи ҳаваси худ гардида, ба озмоиш дучор мешавад»*. Гуноҳ дар даруни мост ва аз табиати кӯҳна, бад ва пастфитрати навнашудаи мо мебарояд. Исо гуфтааст: «Зеро ки аз дил хаёлоти бад, қатл, зино, фисқ, дуздӣ, шаҳодати бардурӯғ ва куфр пайдо мешавад» (Мат. 15,19).

Калимаи *ҳавас*[1], ки Яъқуб дар ояти 14 истифода мебарад, метавонад ба ҳар гуна хоҳиш, нек ё бад, дахл дошта бошад. Худи калима аз нуқтаи назари ахлоқ бетараф аст. Вале, ба ғайр аз баъзе истисноҳо, дар Инҷил, аз ҷумла дар ин ҷо, вай барои тасвири ҳавасҳои бад истифода мешавад. Ҳавас ба зани маккор монанд карда мешавад, ки латофати худро ба намоиш гузошта, қурбониҳои худро ба васваса меандозад. Ҳар кадоми мо ба васваса меафтад. Ҳавасҳои палид ва ҳирси нопоки мо ҳамеша моро ба гуноҳ моил мекунанд. Вақте ки мо *саргарм ва фирефтаи ҳаваси худ мегардем,* оё моро қурбонии нотавон ҳисобидан мумкин аст? Не, мо метавонем ҳамаи андешаҳоямонро оид ба гуноҳ аз сар дур кунем ва диққатамонро ба ҳар он чи муқаддас ва пок аст, ҷалб кунем (Фил. 4,8). Ҳамчунин дар лаҳзаи васвасаи ниҳоят сахт мо метавонем ба Худованд рӯ оварда, дар хотир дошта бошем, ки «Номи Парвардигор бурҷи қувват аст: росткор сӯи он медавад ва паноҳ меёбад» (Мас. 18,10).

**1,15** Агар чунин бошад, пас чаро мо гуноҳ мекунем? Инак ҷавоб: *баъд ҳавас, ҳомила шуда гуноҳро мезояд.* Ба ҷои аз сар дур кардани фикри гуноҳолуд мо онро ҳавасманд мекунем, навозиш мекунем, аз он ҳаловат мебарем. Ин гузашт ба алоқаи ҷинсӣ монанд аст. Ҳавас ҳомила мекунад ва кӯдаки манфур бо номи ГУНОҲ зоида мешавад. Дигар хел карда гӯем, агар мо оид ба рафтори номумкин хеле дуру дароз фикр кунем, оқибат онро ба ҷо меоварем. Тамоми рафти фикр карда баромадани ҳавас ва кардани гуноҳ дар ҳодисаи бо Довуд ва Батшобаъ рӯйдода возеҳ тасвир ёфтааст (2Сам. 11,1-27).

*Ва гуноҳ ба камол расида, маргро тавал-луд мекунад,* мегӯяд Яъқуб. Гуноҳ бе оқибат намемонад; вай бенасл нест, ӯ ба худ монандро ба вуҷуд меорад. Баёнотро оид ба он ки *гуноҳ маргро* ба вуҷуд меорад, ду хел фаҳмидан мумкин аст. Пеш аз ҳама гуноҳи Одам ба ӯ ва ҳамаи авлоди ӯ марги ҷисмониро овард (Ҳас. 2,17). Вале гуноҳ ҳамчунин ба марги рӯҳонии ҷовидонӣ мебарад – ба ҷудошавии одам аз Худо ва аз баракат (Рум. 6,23). Ин он маъноеро низ дорад, ки гуноҳ барои имондор бо марг ба охир мерасад. Масалан, дар 1Тимотиюс 5,6 мо мехонем, ки бевазани масеҳие ки дар айшу ишрат умр мегузаронад, зинда ба зинда мурдааст. Ин онро ифода мекунад, ки ӯ умрашро беҳуда месӯзонад ва он мақсадеро, ки Худо барои он ӯро наҷот додааст, тамоман наметавонад иҷро кунад. Аз мушоракат бо Худо берун будан барои масеҳӣ зинда ба зинда мурданро ифода мекунад.

**1,16-17** Одамоне ки ба гуноҳ меафтанд, на худашонро, балки Худоро айбдор мекунанд. Онҳо ба Офаридгори худ мегӯянд: «Чаро Ту маро чунин офаридӣ?» Вале ин худфиребист. Аз Худо танҳо атоҳои нек бармеоянд. Дар асл Ӯ манбаи *ҳар як ҳадяи нек ва ҳар як тӯҳфаи комил* аст.

Яъқуб Худоро чун *Падари нурҳо* тасвир менамояд. Дар Навиштаи Муқаддас калимаи «*Падар*» баъзан маънои Офаридгор ё Манбаъро дорад (ниг. Айюб 38,28). Бинобар ин Худо Офаридгор ё Манбаи *нурҳост.* Вале дар зери мафҳуми *нурҳо* чӣ дар назар дошта шудааст? Албатта, онҳо ҷисмҳои осмониро дар бар мегиранд – офтоб, моҳ ва ситораҳо (Ҳас. 1,14-18; Заб. 135,7). Вале Худо ҳамчунин манбаи ҳар гуна нури рӯҳонӣ мебошад, бинобар ин мо бояд оид ба Ӯ чун оид ба манбаи ҳамаи шаклҳои нур дар ҷаҳон фикр кунем. *Дар ӯ на тағйиротест ва на сояи дигаргуние.* Худо аз ҷисмҳои осмонӣ, ки Ӯ офаридааст, фарқ мекунад. Онҳо ба тағйиротҳои доимӣ дучор мешаванд. Ӯ – ҳеҷ гоҳ. Шояд, Яъқуб на танҳо оид ба камшавии тобиши офтоб ва ситораҳо, балки низ оид ба тағйири вазъияти онҳо нисбат ба Замин фикр мекунад, чунки сайёраи мо чарх мезанад. Ба офтоб, моҳ ва ситораҳо тағйирёбӣ хос аст. Ифодаи «сояи дигаргунӣ» сояи дар натиҷаи чарх задан ба амал меомадаро ифода карда метавонад. Он ба соя дар замин, ки дар натиҷаи чарх задани Замин дар атрофи Офтоб ба амал меояд, дахл дошта метавонад. Вай ба гирифтани офтоб ё моҳтоб ҳам дахл дошта метавонад. Масалан, гирифтани офтоб он вақт рӯй медиҳад, ки сояи моҳ ба замин меафтад. Бо Худо ҳама чиз дигар хел аст; дар Ӯ ҳеҷ гуна *тағйирот* ё соя, ки дар натиҷаи *дигаргунӣ* ба вуҷуд омадааст, нест. Ва ҳадияҳои Ӯ ба ҳамон андоза *комиланд,* чуноне ки Худи Ӯ. Бинобар ин ғайриимкон аст, ки Ӯ ягон вақт одамро ба васвасаи гуноҳ андозад. Васваса аз табиати бади худи одам бармеояд.

Биёед имони худро дар мисоли васвасаҳои нопок месанҷем. Оё мо ба фикрҳои бад иҷозат медиҳем, ки дар хиради мо таваққуф кунанд, ё тез онҳоро гирифта мепартоем? Гуноҳ карда, оё мегӯем, ки бо ин ҳеҷ кор карда наметавонем? Вақте ки ба васвасаи гуноҳ дода мешавем, оё Худоро айбдор мекунем?

## III. КАЛОМИ ХУДО (1,18-27)

Яъқуб оид ба Худо ҳамчун оид ба Падари нурҳо сухан меронд. Акнун вай ба мо ёдрас мекунад, ки Ӯ ҳамчунин Падари мост ва дар байни офаридаҳои бешумори Худ ба мо нақши махсусро ҷудо кардааст. Мо ба сухани ҳақиқат итоат карда, ин нақшро иҷро карда метавонем (о. 19-27).

**1,18** Ин оят нақши Сухани Худоро дар зода шудан аз олами боло қайд мекунад, зеро мо онро ба василаи Рӯҳулқудс барои ҳаёти худ ба кор мебарем. Ба мо гуфта шудааст, ки «*Ӯ, аз рӯи хости Худ, моро ба воситаи каломи ростӣ ба дунё овард, то ки навбаре аз офаридаҳои Ӯ бошем*». Калимаи *«бар ҳасби хости Худ»* ба мо оид ба он мегӯяд, ки чӣ Ӯро ба наҷот додани мо водор кард. Ҳеҷ ягон хусусияти мо Ӯро вазифадор намекард, ки инро кунад. Ӯ бо хости неки шахсиаш чунин рафтор кард. Муҳаббати Ӯро мо бо ҳеҷ чиз сазовор нашудем, нахаридем ва бе ягон кӯшиш аз тарафи худамон ба даст овардем. Ӯ моро комилан ихтиёрӣ дӯст дошт. Ин муҳаббат парастишро ба амал меорад! Калимаҳои *«Ӯ моро ба дунё овард»* факти зодашавии дубораро тасвир менамоянд. Ба василаи зодашавии рӯҳонӣ мо фарзандони Ӯ мешавем ва ин муносибатҳо ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбанд, чунки зодашавӣ наметавонад нобуд карда шавад. *«Ба воситаи каломи ростӣ»:* Навиштаи Муқаддас

асбоби зодашавӣ аз олами болост. Дар ҳар як мавриди имон овардани ҳақиқӣ Навиштаи Муқаддас ё дар шакли даҳонӣ, ё дар шакли хаттӣ иштирок дошт. Бе Китоби Муқаддас мо роҳи наҷотро намедонистем. Амалан мо ҳатто диниста наметавонистем, ки наҷот дастрас аст!

*То ки як навъ навбари офаридаҳои Ӯ бошем.* Дар алоқа бо калимаи *«навбар»* се фикр ба вуҷуд меояд. Аввал ин ки *навбари* ҳосил дарзаи якуми ғаллаи расида буд. Масеҳиёне ки Яъқуб ба онҳо навиштааст, аввалин имондорони давраи масеҳӣ буданд. Ҳамаи масеҳиён *як навъ навбари* офариниши Ӯ мебошанд, вале дар нома Яъқуб пеш аз ҳама масеҳиёни яҳудинажодро дар назар дошт. Сониян, *навбар* чун шукргузорӣ барои саховатмандии Ӯ ва ҳамчун эътирофи он ки ҳама чиз аз Ӯ меояд ва ба Ӯ тааллуқ дорад, ба Худо инъом карда мешуд. Ба ҳамин тариқ, ҳамаи масеҳиён бадани худро ба қурбонии Худо бояд зинда пешниҳод намоянд (Рум 12,1.2). Сеюм, *навбар* гарави ҳосили фаровон дар оянда аст. Яъқуб хонандагони худро ба дарзаи аввал дар даравн Масеҳ монанд кардааст. Дар садаҳои баъдина дигарон ба онҳо пайравӣ хоҳанд кард, вале аввалинҳо чун намунаи муқаддасоне ки самари офариниши навро ифода мекунанд, мемонанд. Дар охир Худованд тамоми заминро бо дигар офаридаҳои ба онҳо монанд маскун мекунад (Рум. 8,19-23). Даравн фаровон он вақт фаро мерасад, ки Худованд Исо барои дар замин ҳукм рондан бармегардад. То он замон онҳо ба Масеҳ бояд ҳамон тавре итоат намоянд, ки тамоми дунё ба Ӯ дар Подшоҳии Ҳазорсола итоат хоҳад кард. Ва ҳарчанд ин оят пеш аз ҳама ба масеҳиёни асри якум тааллуқ дорад, ба ҳар ҳол, ба ҳар як шахсе ки номи Масеҳро ҷалол медиҳад, мувофиқ аст.

**1,19а** Қисми боқимондаи ин боб оид ба он ки чӣ тавр мо навбари офариниши ӯ буда метавонем, дастурҳои амалӣ медиҳад. Вай росткории амалиро, ки ба шахсони аз олами боло ба василаи Каломи ростӣ зодашуда хос аст, баён мекунад. Мо медонем, ки ба воситаи Калом зода шудаем, то он ки ҳақиқати Худоро зоҳир кунем. *Пас,* биёед акнун вазифаҳои худро дида мебароем.

Мо бояд *дар шунидан бошитоб бошем.* Ин фармудаи фавқулодаест, ки дар худ андаке зарофат дорад. Вай ба гуфтае монанд аст: «Ба шунидан шитоб кун!» Вай онро ифода мекунад, ки мо бояд ба *шунидани* Каломи Худо ва ҳамаи маслиҳатҳову мулоҳизаҳои Худо тайёр бошем. Моро бояд Рӯҳулқудс раҳнамоӣ кунад. Ҳамчунин мо бояд *дар гуфтан оҳиста* бошем. Хеле аҷиб аст, ки Яъқуб чандин маротиба дар бораи нутқи мо сухан меронад! Ӯ моро даъват менамояд, ки дар гуфтугӯ эҳтиёткор бошем. Ва худи табиат инро ба мо таълим медиҳад. Замоне Эпиктет зикр карда буд: «Табиат ба одам як забон дод, вале ду гӯш, то ки нисбат ба гап задани худ ду маротиба зиёдтар гӯш андозад». Сулаймон бо хушнудӣ бо Яъқуб розӣ мешуд. Ӯ боре гуфтааст: «Касе ки даҳони худро нигоҳ дорад, ҷонашро муҳофизат мекунад; вале касе ки даҳони худро калон кушояд, ба вай осеб мерасад» (Мас. 13,3); ва: «Сухани бисёр аз гуноҳ фориғ нест, ва касе ки лабҳои худро боздорад, оқил аст» (Мас. 10,19). Лаққиҳои гузаро оқибат гуноҳ мекунанд.

**1,19б-20** Мо бояд *дар хашм оҳиста* бошем. Шахси бадхашм *адолатеро,* ки *Худо* аз фарзандони Худ интизор аст, *ба амал намеоварад.* Бадхашмон оид ба масеҳият таассуроти нодуруст ба амал меоранд. Суханҳои зерин то ба ҳол ҳақиқатанд: «Собир беҳ аз паҳлавон, ва шахси худдор беҳ аз шаҳрситон» (Мас. 16,32).

**1,21** Тариқи дигари навбари офариниши Ӯ шудан – *ҳар нопокӣ ва бадии боқимондаро як сӯ гузоштан* аст. Ин камбудиҳо ба либоси дарида монанданд, ки як сӯ гузоштан лозим аст. *Нопокӣ ҳар* гуна ҳаромшавиҳоро дар бар мегирад: рӯҳонӣ, ақлӣ ва ҷисмонӣ. Ибораи *«бадии боқимонда»* ба он шаклҳои бадӣ, ки аз давраи беимонӣ дар мо мондааст, дахл дошта метавонад. Он метавонад гуноҳҳоеро дар назар дошта бошад, ки дар ҳаёти мо мондаанд ва ба ҳаёти дигарон дахл мекунанд, ё ин ки бадии барзиёдро – он гоҳ Яъқуб на зиёд будани бадиро, балки табиати бениҳоят бади ин ҳиссиётро тасвир менамояд. Маънои асосӣ равшан аст. Барои ҳақиқати Сухани Худоро қабул кардан мо бояд ахлоқан пок бошем.

Шарти дигари қабули ҳақиқати Худо – *фурӯтанист.* Имкон дорад Китоби Муқаддасро хонем ва дар айни ҳол ба он иҷозат надиҳем, ки бо мо гап занад. Мо метавонем онро комилан ба таври назариявӣ омӯхта, дар айни ҳол, дар зери таъсири он набошем. Ғурур,

сангдилӣ ва гуноҳи мо моро кудзеҳн ва лоқайд мекунанд. Танҳо бо рӯҳи итоаткор, хоксор аз Навиштаи Муқаддас манфиати ниҳоят зиёдро интизор будан мумкин аст. «Ҳалимонро ба роҳи инсоф меандозад ва ба ҳалимон тариқи Худро таълим медиҳад» (Заб. 24,9). «Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ ва бар касе ки пеши каломи Ман ба ларза меояд» (Иш. 66,2).

Яъқуб оид ба Навиштаи Муқаддас чун оид ба *каломи кошташудае, ки он метавонад ҷонҳои шуморо наҷот диҳад,* сухан меронад. Ӯ онро дар назар дорад, ки Калом дар ҳаёти масеҳии аз олами боло зодашуда гарави муқаддас мегардад. Дар яке аз тарҷумаҳои англисӣ мехонем: «каломи модарзод». Ин Калом қобилият дорад *ҷонҳои шуморо наҷот диҳад*. Китоби Муқаддас асбобест, ки Худо онро ҳангоми аз олами боло зода шудан истифода мебарад. Ӯ онро на танҳо барои наҷоти ҷонҳо аз ҷазо барои гуноҳ, балки барои раҳоӣ аз қудрати он низ истифода мебарад. Ӯ онро на танҳо барои аз лаънати ҷовидонӣ наҷот додани мо, балки барои аз мағлубият дар ин зиндагӣ раҳо кардан низ истифода мебарад.[2] Бешубҳа, Яъқуб дар ояти 21 дар бораи ин ҷанбаи давомдори ҳозираи наҷот сухан меронад.

**1,22** Сухани кошташавандаро ба даст овардан кам аст – ба он итоат кардан лозим аст. Агар одам Китоби Муқаддас дошта бошад, ё онро чун асари адабӣ хонад, ҳеҷ гуна манфиат намешавад. Ӯ бояд хоҳиши амиқи шунидани Худоро, ки ба вай муроҷиат мекунад, дошта бошад, ва ба иҷро кардани ҳар он чи Ӯ мегӯяд, ҳозир бошад. Мо бояд Китоби Муқаддасро дар амал татбиқ намоем. Калом дар ҳаёти мо бояд ҷисм шавад. Ба он имконияти ба некӣ тағйир додани ҳаёти моро надода, ба ҳеҷ ваҷҳ хондани Навиштаи Муқаддасро сар кардан мумкин нест. Агар дарки афзояндаи Калом аз пайи худ боз ҳам зиёдтар монандшавӣ ба Исои Масеҳро наоварад, муҳаббати бузургро ба Каломи Худо намоиш додан ё ҳатто худро донандаи Навиштаи Муқаддас нишон додан шакли худфиребист. Дониши ақлии Навиштаи Муқаддас, ки аз итоат ба он маҳрум аст, ба ҷои баракат дом буда метавонад. Он чиро, ки кардан лозим аст, пайваста омӯхта ва онро накарда, мо ба рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ ва сангдилӣ меоем. «Дарк кардан бе зоҳир намудан боиси рӯҳафтодагӣ мегардад». Ҳамчунин ҷавобгарии мо дар назди Худо меафзояд. Суханро хондан ва бечуну чаро ба он итоат кардан – ин аст пайвасти идеалӣ.

**1,23-24** *Касе ки каломро мешунаваду* рафтори худро тағйир намедиҳад, *ба шахсе монанд аст,* ки ҳар субҳ нигоҳи кӯтоҳе ба оина меандозад ва баъд комилан дидаашро *фаромӯш мекунад.* Ӯ аз оина, ё аз он ки ба он нигоҳ мекунад, ҳеҷ гуна манфиат намегирад. Албатта, дар симои мо чизе ҳаст, ки тағйир дода намешавад. Вале, ба ҳар ҳол, мо бояд намуди хоксорона дошта бошем! Ва ҳангоме оина мегӯяд: «Шустушӯй кун», ё «Ришатро гир», ё «Мӯятро шона кун», ё «Либосатро тоза кун», мо, ақаллан, чизеро ки ба мо гуфта шуд, бояд кунем. Вагарна оина ба мо ҳеҷ гуна манфиат намеорад.

Осонтар аст, ки Навиштаи Муқаддасро гоҳ-гоҳ ё мувофиқи амри виҷдон хонем, вале иҷозат надиҳем, ки чизи хондаамон ба мо таъсир кунад. Мо мебинем, ки чӣ гуна бояд бошем, вале зуд инро фаромӯш мекунем, гӯё ки аллакай комилем. Чунин худқаноатмандӣ ба инкишофи рӯҳонӣ халал мерасонад.

**1,25** Шахсе, ки ба Сухани Худо *диққат мекунад* ва доимо онро дар таҷриба истифода мебарад, тамоман баръакси тасвири боло мебошад. Дар бораи Калом бо диққат андеша рондан ба ӯ манфиати амалӣ мерасонад. Китоби Муқаддас барои ӯ *шариати комили озодӣ* мебошад. Дастуроти он мушкил нестанд. Онҳо ба ӯ иҷрои кореро мефармоянд, ки табиати нави ӯ иҷрои онро алалхусус дӯст медорад. Ӯ дар итоат озодии ҳақиқиро аз анъанаҳои одамӣ ва муҳокимарониҳои ҷисмонӣ дармеёбад. Ҳақиқат ӯро озод мекунад. Чунин одам аз Навиштаи Муқаддас манфиат мегирад. Ӯ хондаашро фаромӯш намекунад. Беш аз ин, ӯ мекӯшад хондаашро дар амалияи ҳаррӯза истифода барад. Итоати одӣ, самимии ӯ ба ҷони ӯ баракати бешумор меорад. *Хушо он кас дар кори худ.*

**1,26-27** Дар ин ҷо *ибодати бефоида* бо *ибодати пок ва беайб* муқобил гузошта мешавад. *Ибодат* дар ин ҷо тарзи дидашавандаи ҳаёт аст, ки ба имон асос ёфтааст. Вай ба нишонаҳое дахл дорад, ки аниқтараш ба берун равона шудаанд, на ба рӯҳи дохилӣ. Ин имон ба таълимотро дар назар надорад, балки имонеро, ки дар парастиш ва хизмати зоҳирӣ ифода меёбад.

Агар *касе гумон кунад, ки ибодат мекунад* ва *ҷилави забони худро кашида* наметавонад, *ибодати вай бефоида аст.* Ӯ метавонад ҳамаи маросимҳои диниро ба ҷо оварад ва хеле тақводор тобад. Вале ӯ худаш худашро фиреб медиҳад. Ба Худо расму русум лозим нест; Ӯ шавқманди ҳаётест, ки дар он ибодати амалӣ ҳаст.

*Забони* лаҷомгусехта танҳо як намунаи *ибодати* бефоида аст. Ҳар гуна рафтори ба дини масеҳӣ муқобил ба ҳеҷ чиз намеарзад. Дар ин ҷо овардани воқеаи баққоле бамаврид аст, ки диндориаш аниқ фиребгарӣ буд. Ӯ дар хонаи болои мағозаи худаш зиндагӣ мекард. Ҳар саҳар ба поён ба ёрдамчии худ дод мезад:

– Раҳим!
– Бале, ҷаноб.
– Ту ба шир об андохтӣ?
– Бале, ҷаноб.
– Ту ба равған моддаи рангкунанда андохтӣ?
– Бале, ҷаноб.
– Ту ба кофе коснӣ андохтӣ?
– Бале, ҷаноб.
– Бисёр хуб. Барои парастиши пагоҳӣ ба боло баро!

Яъқуб чунин диндориро *бефоида* мегӯяд.

Худо диндории амалиро меҷӯяд, ки аз ғамхорӣ ба дигарон ва покии зиндагонии шахсӣ иборат аст. Яъқуб мисоли одами *дини пок ва беайб доштаро* меорад, ки *ятимон ва бевазанонро* дар андӯҳи онҳо парасторӣ менамояд ва худро *аз олудагии олам* нигоҳ медорад.

Дигар хел карда гӯем, натиҷаи амалии таваллуд аз олами боло «амалҳои раҳмдилона ва ҷудошавӣ аз олам» хоҳанд буд. Гай Кинг ин фазилатҳоро чун муҳаббати амалӣ ва покии амалӣ тасвир менамояд.

Мо бояд ба саволҳои зерин ҷавоб дода, имони худамонро санҷем: оё ман Навиштаи Муқаддасро бо хоҳиши хоксорона мехонам, то ки Худо маро панд диҳад, таълим диҳад ва тағйир диҳад? Оё ман кӯшиш мекунам, ки ҷилави забонамро нигоҳ дорам? Оё ман хислати худро сафед мекунам, ё мехоҳам бар вай ғолиб бароям? Вақте ки ягон кас латифаи қабеҳ нақл мекунад, ман чӣ гуна эътино мекунам? Оё имони ман дар корҳои нек ба касоне ки маро барои онҳо мукофотонида наметавонанд, зоҳир мешавад?

## IV. САРЗАНИШИ РӮЙБИНӢ (2,1-13)

Нимаи аввали боби 2 тамаллуқкорона эҳтиром намудани шахсро сарзаниш мекунад. Касеро афзал донистан падидаест, ки ҳам ба Худованд, ҳам ба тамоми таълимоти Инҷил тамоман бегона аст. Дар байни масеҳиён ба нозпарвардӣ ё поймоли ҳуқуқ ҷой набуданаш лозим аст.

**2,1** Пеш аз ҳама чунин амалия манъ шудааст. Диққат диҳед, мурочиат моро бовар мекунонад, ки ин маслиҳат ба масеҳиён равона карда шудааст: *«Эй, бародарони ман!» Ба Исои Масеҳи Худованди мо имон доштан* дини масеҳиро дар назар дорад. Дар ин ҷо сухан на оид ба имони Ӯ ба Худо, балки аниқтараш оид ба таҷассуми ҳақиқате меравад, ки Ӯ ба мо додааст. Ҳамаи ин ақидаҳоро якҷоя карда, мо мефаҳмем, ки Яъқуб мегӯяд: *«Эй, бародарони ман!* Дар *имони* масеҳии худ *рӯйбинӣ накунед».* Нозпарвардӣ ва маҳдудкунии синфӣ ба масеҳияти ҳақиқӣ бениҳоят мухолифат мекунад. Дар ҳузури Худованди ҷалол ба бузургии одамизод сари таъзим фуруд овардан ҷой надорад. Нафрат ба дигарон аз сабаби авлод, нажод, ҷинс ва вазъияти моддӣ – дар амал рад кардани имон аст. Ин фармуда ба дигар порчаҳои Инҷил, ки дар он ҷо эҳтиром намудани ҳокимон, соҳибон, калонсолон ва падару модарро ба масеҳиён таълим медиҳанд, мухолифат намекунад. Муносибатҳои аз тарафи Худо муайяншуда, ҷоришуда мавҷуданд, ки бояд иҷро карда шаванд (Рум. 13,7). Дар ин ҷо оид ба тамаллуқкорона эҳтиром намудани шахс ба хотири либоси қиматбаҳо ва дигар афзалиятҳои хаёлӣ сухан меравад.

**2,2-4** Ин фармударо Яъқуб дар оятҳои 2-4 возеҳ тасвир намудааст. Гай Кинг ин қисми бобро бо муваффақият ном ниҳодааст: «Дарбони кӯтоҳандеш». Амалиёт дар *ҷамъомади*[3] маҳаллии масеҳиён рӯй медиҳад. Инак ҷавонмарди ашрофзодае дар тан либоси дабдабанок бо *ангуштарини* қиматбаҳои *тиллоӣ* омадааст. Дарбон таъзим мекунад ва хушомад мезанад, баъд меҳмони ашрофзодаро ба пеш, ба ҷои намоёни фахрӣ бурда мемонад. Ба назди дар баргашта, дарбон мебинад, ки боз як меҳмон омадааст! Акнун ин шахси *камбағалест, ки* дар тан либоси назарногир дорад. (Ибораи *либоси чиркин* на ҳатман дар назар дорад, ки либоси ин шахс ба шустан эҳтиёҷ дошт. Либоси

одии вай оид ба шароити камбағалонаи зиндагияш шаҳодат медод.) Ин дафъа дарбон чолокона мекӯшад ҷамъомадро аз ташвиш халос кунад ва ба меҳмон пешниҳод менамояд, ки дар қафо истад, ё дар пеши ҷои ӯ дар фарш нишинад. Аз ҳақиқат дур менамояд, ки касе ҳамин тариқ рафтор карда метавонад. Мо мехостем фикр кунем, ки ин тасвир муҳобот карда шудааст. Вале, ба дили худ нигоҳ карда мо мебинем, ки бисёр вақт худамон одамонро бо ин тафриқаи синфии сунъӣ ҷудо мекунем ва ба ҳамин тариқ *доварони соҳиби фикрҳои бад мешавем.*

Шояд дар калисои ҳозиразамон мисоли намоёнтарини ин – поймоли ҳуқуқи одамон аз рӯи нажод ва ранги пӯст аст. Дар бисёр ҳолатҳо масеҳиёни сиёҳпӯст аз ҷамоат пеш карда мешуданд, ё, ба ҳар ҳол, ба онҳо мефаҳмонданд, ки онҳо номатлубанд. Яҳудиёни имондорро на ҳамеша самимона қабул мекарданд. Масеҳиёни шарқӣ ба ҳар гуна поймоли ҳуқуқҳо дучор мешуданд. Албатта, дар соҳаи муносибатҳои нажодӣ мушкилоти бузурги иҷтимоӣ мавҷуданд. Вале масеҳӣ бояд ба принсипҳои илоҳӣ вафодор бошад. Вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки ҳақиқатро оид ба он ки ҳамаи масеҳиён дар Исои Масеҳ ягонаанд, дар амал тасдиқ кунад.

**2,5-6а** Хотирбинӣ комилан бо имони масеҳӣ номувофиқ аст. Яъқуб оид ба ин дар оятҳои 5-13 сухан меронад. Ӯ чор сабаби асоснок меоварад, ки аз рӯи онҳо ба сарватманд тамаллуқ кардан ва ба камбағал ҳавобаландона нигаристани масеҳӣ бемаънист.

Чунин рафтор карда, мо пеш аз ҳама одамеро, ки *Худо* ҳурмат мекунад, ҳурмат намекунем. *Худо камбағалони оламро интихоб кардааст, ки дар имон сарватманд ва ворисони Подшоҳие бошанд, ки онро Ӯ ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст.* Камбағалон интихобшудагони Худо, афзал донисташудагони Худо, ворисони Худо ва дӯстдоштагони Худо мебошанд. Дар Навиштаи Муқаддас мо чандин маротиба мебинем, ки на сарватдорон, балки маҳз камбағалон зери парчами Масеҳ ҷамъ меоянд. Худи Худованди мо гуфтааст: «.. .ва ба мискинон мужда дода мешавад» (Мат. 11,5). Маҳз одамони одӣ, на одамони сарватманд ё номдор Ӯро бо хушнудӣ мешуниданд (Марқ. 12,37). Дар байни даъватшудагон шахсони номдор ва ашрофзода каманд, содалавҳон, заифон, нотавонон, хору залилон ва беқадрҳо бештаранд (1Қур. 1,26-29). Сарватмандон одатан дар имон камбағаланд, зеро на ба Худо, балки ба сарвати худ боварӣ доранд. Аз тарафи дигар, камбағалон аз тарафи Худо *интихоб шудаанд,* то ки *дар имон сарватманд шаванд.* Дар Подшоҳии Ӯ аҳолие ки аксарияташон дар ин зиндагӣ камбағал буданд, сокин мешаванд. Дар он ҷо онҳо аз сарват ва шуҳрат ҳузуру ҳаловат мебаранд. Бо таҳқир муносибат кардан ба онҳое ки дар Подшоҳии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо замоне ҷалол дода мешаванд, чӣ гуна беақлона ва хатарнок аст.

**2,6б** Сабаби дуюми беақлона будани эҳтиром намудани *сарватдор* он аст, ки ӯ ба он синфи ҷамъиятие дохил аст, ки одатан ба фарзандони Худо фишор меоваранд ва зулм мекунанд. Дар ин ҷо на ҳама чиз фаҳмо ва баҳснопазир менамояд. Сарватманди дар боло зикршуда, бешубҳа, масеҳӣ буд. Аз ин чунин барнамеояд, ки сарватмандони дар ояти 6 зикргардида низ масеҳиёнанд. Яъқуб одӣ карда мегӯяд: «Оё одамонро танҳо барои сарватманд буданашон афзал донистан дуруст аст? Агар шумо чунин рафтор кунед, пас, онҳоеро ки аввалин шуда *шуморо* таҳқир мекунанд *ва ба маҳкамаҳо мекашанд,* лоиқи эҳтиром медонед». Калвин дар ин бора мухтасар гуфтааст: «Ҷаллодони худро ҳурмат кардан чӣ лозим аст?»

**2,7** Сабаби сеюми бемаврид будани ҷонибдории сарватманд он аст, ки онҳо одатан бадгӯӣ мекунанд ё номи Масеҳро беобрӯ мекунанд. Онҳо *номи неки* имондоронро, *ки бар онҳост* – масеҳиён ё пайравони Масеҳро беобрӯ мекунанд. Ҳарчанд гуноҳи ҳақорат додани Худованд на танҳо хоси маҳз сарватмандон аст, ба ҳар ҳол ҳақиқат он аст, ки шахсоне ки ба камбағалони масеҳӣ фишор меоваранд, аксаран дар баробари таъқиб инчунин Наҷотдиҳандаро ҳақорат мекунанд. Пас чаро масеҳӣ ҳар касеро, ки сарватманд аст, бояд эҳтиром кунад? Хислатҳои хоси сарватмандон одатан ба Худованд Исо мақбул нестанд. Ифодаи *«номи неке ки бар шумост»-ро* мумкин аст чунин тарҷума кард «номи неке ки бар шумо эълон карда шудааст». Баъзеҳо дар ин ҷо ишора ба таъмиди масеҳиро мебинанд. Масеҳиён ба исми Худованд Исо таъмид мегиранд. Сарватмандон одатан маҳз ҳамин *номро беобрӯ мекунанд.*

**2,8** Далели чоруми Яъқуб чунин аст: сарватмандро эҳтиром карда, шахс *шариатро* вайрон мекунад, ки мегӯяд: *«Ёри худро мисли худ дӯст бидор»*. Вай *шариати шоҳона* номида мешавад, зеро ки аз Шоҳ баромадааст ва шоҳи ҳамаи шариатҳо мебошад. Шояд дарбон муносибати худро ба сарватманд сафед карда, мегуфт, ки танҳо мекӯшид ёри худро мисли худ дӯст дорад. Вале ин он муносибатеро, ки ӯ ба камбағал намуд, намебахшад. Агар мо дар ҳақиқат ёрони худро чун худамон дӯст медоштем, ба онҳо ҳамон тавре муносибат мекардем, ки мехостем ба мо муносибат кунанд. Табиист, ки мо намехостем танҳо барои камбағал буданамон дучори муносибати таҳқиромез шавем. Бинобар ин мо набояд дигаронро хор бинем.

Аз ҳамаи таълимотҳои Навиштаи Муқаддас ин албатта яке аз инқилобитаринаш мебошад – *ёри худро мисли худ дӯст бидор*. Ба маънои он мулоҳиза кунед! Маънои он чунин аст, ки мо бояд ба дигарон ҳамон гуна ғамхорӣ кунем, ки ба худ ғамхорӣ мекунем. Мо бояд хоҳиш дошта бошем, ки аз молу мулки моддиамон ба касони на ба андозаи мо осудаҳол диҳем. Ва пеш аз ҳама мо бояд ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем, то онҳо имконияти шинохтани Наҷотдиҳандаи поки моро ба даст оваранд. Аксаран мо дар қарорҳои худ мувофиқи он амал мекунем, ки амалиёти мо ба худи мо чӣ асар мегузоранд. Мо худамон ба худамон нигаронида шудаем. Мо ба умеди мукофоти иҷтимоӣ ё моддӣ дили сарватмандонро ёфтан мехоҳем. Мо ба камбағалон беэътиноӣ мекунем, зеро аз онҳо ба мо манфиати зиёд нест. *Шариати шоҳона* чунин истифодаи худбинонаи дигаронро манъ мекунад. Ӯ ба мо таълим медиҳад, ки *ёрони* худро *мисли худамон дӯст бидорем*. Дар ҷавоби саволи мо: «Кӣ ёри ман аст?» воқеаи сомарии некдил оварда шудааст (Луқ. 10,29-37), ки мувофиқи он ёри мо ҳар касест, ки мо талаботи ӯро қонеъ карда метавонем.

**2,9** *Хотирбинӣ кардан* шариати шоҳонаро вайрон кардан аст. Ин ҳам *гуноҳ,* ҳам ҷиноят аст. *Гуноҳ* ҳар гуна номувофиқат ба хости Худо, ба қоидаҳои Ӯ ҷавоб дода натавонистан аст. Ҷиноят вайрон кардани қонуни маълум аст. Баъзе амалҳо пургуноҳанд, зеро дар асоси худ нодурустанд, вале онҳо танҳо ҳамон вақт ҷиноят мешаванд, ки қонуни муайяне ҳаст, ки онҳоро манъ мекунад. *Рӯйбинӣ* гуноҳ аст, зеро ки худ аз худ нодуруст аст. Вале он ҳамчунин ҷиноят аст, зеро ба муқобилаш шариат ҳаст!

**2,10** *Як* талаботи шариатро вайрон кардан – *нисбат ба ҳама чиз айбдор будан* аст. Шариат ба занҷире монанд аст, ки аз даҳ ҳалқа иборат аст. Як ҳалқаро вайрон кунед – ва занҷир канда мешавад. Худо ба мо иҷозат намедиҳад, ки қонунҳои ба мо маъқулро риоя карда, дигарашро вайрон кунем.

**2,11** Худо *зино карданро* манъ кардааст, вале Ӯ *одамкуширо* низ манъ кардааст. Имкон дорад, ки одам дар *зино* айбдор набошад, вале *куштор* ба амал орад. Оё ӯ *шариатро* вайрон кардааст? Оре, албатта! Моҳияти шариат дар он аст, ки шахс ёри худро мисли худ дӯст дорад. *Зино кардан,* албатта, онро вайрон мекунад, чунон ки куштор низ. Ва ҳамчунин нозпарвардӣ ва истисмор. Агар мо яке аз ин гуноҳҳоро ба амал орем, пас, мо фармудаи шариатро риоя накардаем.

---

## ДАҲ ФАРМУДА

Дар ин ҷо мо муҳокимаи худро қатъ мекунем ва мушкилии асосиеро дида мебароем, ки дар далелҳои Яъқуб ба амал омадааст. Мушкилӣ дар он аст: оё масеҳиён дар шариатанд ё не? Чунин таассурот ба амал меояд, ки Яъқуб аҳамияти Даҳ Фармударо барои имондорони масеҳӣ пурқувват мегардонад. Махсусан ӯ ба фармудаи шашум ва ҳафтум, ки куштор ва зинoро манъ мекунад, такя мекунад. Ҳамчунин ӯ панҷ фармудаи охиринро дар суханҳои «Ёри худро мисли худат дӯст бидор» ҷамъбаст мекунад. Ба ҳар ҳол масеҳиро тахти тасарруфи шариат чун қоидаи ҳаёт гузоштан – яъне бо дигар ҷойҳои Инҷил, масалан, бо Румиён 6,14 ба мухолифат даромадан аст: «Шумо, охир, тобеи шариат не, балки тобеи файз ҳастед»; Румиён 7,6: «Мо аз [шариат] озод шудаем»; Румиён 7,4: «Шумо ба воситаи Бадани Масеҳ барои шариат мурдаед» (ниг. ҳамчунин Ғал. 2,19; 3,13.24.25; 1Тим. 1,8.9; Ибр. 7,19). Он ҳақиқат, ки масеҳиён тахти тасарруфи Даҳ Фармуда намебошанд, дар 2Қуринтиён 3,7-11 ба таври равшан эълон карда шудааст.

Пас чаро Яъқуб дар ин асри файз масъалаи шариатро барои масеҳиён муҳобот мекунад?

Пеш аз ҳама, масеҳиён таҳти тасарруфи шариат чун қоидаи ҳаёт намебошанд. Барои масеҳиён на шариат, балки Масеҳ намуна аст. Дар он ҷое ки шариат ҳаст, ҷазо ҳам бояд бошад. Ҷазо барои вайрон кардани шариат – марг аст. Масеҳ мурд, то ки барои шариати вайроншуда ҷазо бинад. Дар Масеҳ будагон берун аз шариат ва ҷазо мебошанд. Вале баъзе принсипҳои шариат арзиши нагузаранда доранд. Ин фармуда ба ҳамаи одамони ҳамаи замонҳо татбиқшаванда аст. Бутпарастӣ, зино, куштор ва дуздӣ дар асоси худ пурра нодурустанд. Онҳо ҳам барои имондорон ва ҳам барои беимонон гуноҳ мебошанд. Ба ғайр аз ин, аз даҳ фармуда нӯҳтоаш дар номаҳо такрор меёбанд. Ягона чизе ки такрор намешавад, фармуда дар бораи шанбе мебошад. Дар ҳеҷ ҷой ба масеҳиён риояи шанбе, ё рӯзи ҳафтуми ҳафта фармуда нашудааст, зеро ин фармуда аз ахлоқӣ дида бештар маросимист. Аслан ҳеҷ бадие надорад, ки яҳудиён рӯзи ҳафтуми ҳафта кор кунанд. Ин танҳо барои он бад буд, ки Худо ин рӯзро аз байни дигар рӯзҳо ҷудо кард.

Ниҳоят, бояд ёдрас кард, ки нӯҳ фармудаи дар номаҳо такроршуда на ҳамчун *шариат,* балки чун дастуруламали ростқорӣ барои халқи Худо дода мешаванд. Дигар хел карда гӯем, Худо ба масеҳиён намегӯяд: «Агар дуздӣ кунед, ба марг маҳкум мешавед». Ё: «Агар рафтори бадахлоқона кунед, наҷотро аз даст медиҳед». Аниқтараш Ӯ мегӯяд: «Ман шуморо аз рӯи марҳамати Худ наҷот додам. Акнун Ман мехоҳам, ки шумо аз муҳаббат ба Ман самимона зиндагонӣ кунед. Агар шумо донистан хоҳед, ки Ман аз шумо чиро интизорам, инро дар ҳама ҷо дар Инҷил ҷӯед. Дар он ҷо шумо аз Даҳ Фармуда нӯҳтоашро такрор меёбед. Шумо ҳамчунин таълимоти Худованд Исоро меёбед, ки амалан ба он қоидаҳои рафтор даъват менамояд, ки назар ба пешбиникардаи шариат боз ҳам наҷибтаранд». Бинобар ин дар асл Яъқуб масеҳиёнро таҳти тасарруфи шариат ва ҳукми он намегузорад. Ӯ намегӯяд: «Агар шумо хотирбинӣ карда рафтор кунед, пас шариатро вайрон мекунед ва ба ҳамин тариқ, ба марг маҳкум ҳастед».

---

**2,12** Яъқуб мегӯяд: «Ҳамчун масеҳиён, шумо минбаъд на дар зери шариати ғуломӣ, балки таҳти *шариати озодӣ* ҳастед – *озодии* кардани он чи дуруст аст. Шариати Мусо талаб мекард, ки ёри худро дӯст доред, вале барои ин ба шумо қувват намедод ва агар шумо ба нокомӣ дучор шавед, маҳкум мекард. Аз рӯи файз ба шумо қувва ато карда мешавад, то ёри худро дӯст дошта тавонед ва барои он мукофотонида шавед. Шумо инро на барои ба даст овардани наҷот мекунед, балки барои он ки наҷот ёфтаед. Шумо инро на барои он мекунед, ки аз ҷазо метарсед, балки барои он ки Онеро, ки барои шумо мурд ва аз нав зинда шуд, дӯст медоред. Ҳангоме ки шумо дар пеши Курсии Доварии Масеҳ ҳозир мешавед, мувофиқи ин меъёр, ё мукофотонида мешавед, ё зарар мебинед. Дар он ҷо на масъалаи наҷот, балки мукофот ҳал карда мешавад». Ифодаи *«чунин сухан гӯед ва амал кунед»* ба суханҳо ва амалҳо дахл дорад. Суханҳо бо амалҳо бояд мувофиқат кунанд. Дар нутқ ва рафтор масеҳӣ бояд аз рӯйбинӣ худдорӣ кунад. Чунин вайронкунии шариати озодӣ дар пеши Курсии Доварии Масеҳ маҳкум карда мешавад.

**2,13** Ояти 13-ро аз нуқтаи назари гуфтаҳои боло фаҳмидан лозим аст. Яъқуб ба масеҳиён мурочиат мекунад. Дар ин ҷо оид ба ҷазои абадӣ сухан намеравад; музди ҳар гуна ҷазо замоне дар салиби Ҷолҷолто пардохта шудааст. Масъала дар он аст, ки Худо бо мо, ки чун фарзандони Ӯ дар ин дунё зиндагӣ мекунем, чӣ тавр рафтор мекунад. Агар мо ба дигарон *марҳамат* зоҳир накунем, пас бо Худо дар мушоракат нестем ва бояд аз натиҷаи душвории аз Ӯ азоб кашем.

Суханони *«марҳамат бар доварӣ ғалаба меёбад»* метавонанд онро ифода кунанд, ки Худо ба онҳо ғазаб карданро не, балки *марҳамат* карданро афзал медонад (Мик. 7,18); доварӣ барои Ӯ «амали нохуш» аст. Дар ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки агар мо ба дигарон бошафқат бошем, пас метавонем аз доварӣ натарсем, вале агар мо ба шахсоне ки аз рӯи адолат доварӣ карда метавонистем, марҳамат накунем, пас ба мо ҳам марҳамат карда намешавад. Ё ин ҷоро чунин фаҳмидан мумкин аст, ки *марҳамат бар доварӣ ғалаба меёбад,* зеро он ҳамеша нисбат ба доварӣ баландтар аст. Аслан дар ин ҷо ғоя чунин аст: агар мо ба дигарон марҳамат кунем, пас доварие ки дар акси ҳол метавонист ба мо афтад, бо марҳамат иваз карда мешуд.

Биёед худамонро месанҷем, ки оё мо рӯбинӣ мекунем. Оё мо ба ҳамқавмони худ ва намояндагони дигар нажод як хел некӣ мекунем? Оё мо ба ҷавонон нисбат ба пирон бештар меҳрубонӣ мекунем? Оё мо ба мушоракат бо одамони зебо нисбат ба одамони безеб ва хоксор зиёдтар майл дорем? Оё мо ба одамони машҳур дастгирии дӯстона карданро нисбат ба одамони номашҳур афзалтар медонем? Оё мо аз одамони ҷисман нотавон худро канор гирифта, ҳамнишинӣ бо одамони пурқувват ва солимро меҷӯем? Киро мо афзал мешуморем: сарватмандон ё камбағалонро? Оё мо ба «хориҷиён», ки ба забони мо бо лаҳни хориҷӣ сухан меронанд, қабули беилтифотона мекунем?

Ба ин саволҳо ҷавоб дода, мо тасаввур мекунем, ки агар ба масеҳии номаҳбубтарин муносибати беилтифотона кунем, ба Наҷотдиҳанда низ ҳамон хел муносибат мекунем (Мат. 25,40).

## V. ИМОН ВА АМАЛҲО (2,14-26)

Шояд ин оятҳо дар Номаи Яъқуб аз ҳама бештар баҳсноканд. Ҳатто чунин муаллими бузург ва шоистаи калисо, ба монанди Лютер, дар байни таълимоти Яъқуб оид ба сафедшавӣ бо амал ва тасдиқи боисрори Павлус оид ба сафедшавӣ бо имон ихтилофи оштинопазирро медид. Одатан аз ин оятҳо суиистифода карда, бидъати синергизмро қувват медиҳанд, ки гӯё наҷотро ба василаи имон ва амал ба даст овардан мумкин аст. Дигар хел карда гӯем, мо бояд ба Худованд Исо чун Наҷотдиҳандаи мо бовар кунем, вале ин кифоя нест. Мо ҳамчунин бояд ба амали наҷоти Ӯ амали шафқат ва садоқати худро илова кунем.

Ин порчаро моҳиятан «Сафедшавӣ бо амал» номгузорӣ кардан мумкин аст, зеро сафедшавӣ бо амал маъное дорад. Ва дар ҳақиқат, барои дарки пурраи ҳақиқати сафед карда шудан мо бояд фаҳмем, ки шаш ҷиҳати сафед карда шудан ҳаст. Мо бо *файз* сафед карда шудаем (Рум. 3,24). Ин онро ифода мекунад, ки мо сазовори сафедшавӣ нестем; дар асл мо комилан чизи мухолифро сазоворем. Мо *бо имон* сафед карда шудаем (Рум. 5,1). Имон ҷавоби шахс ба файзи Худост. Бо имон мо атои файзро қабул мекунем. Имон он чизест, ки амали барои мо кардаи Худоро аз худ мекунад. Мо бо *хун* сафед карда шудаем (Рум. 5,9). Хун арзишест, ки барои таъмини сафедшавии мо пардохта шудааст. Бори гуноҳ бо нархи хуни гаронбаҳои Масеҳ пардохта шудааст ва акнун, азбаски қаноатмандии одилона ба амал омад, Худо гунаҳкорони бехудоро сафед карда метавонад. Мо аз тарафи *Худо* сафед карда шудаем (Рум. 8,33). Ҳақиқат дар он аст, ки Худо Онест, ки сафед мекунад. Мо бо *қудрат* сафед карда шудаем (Рум. 4,24.25). Сафедшавии мо бо қудрате вобаста аст, ки Масеҳро аз мурдаҳо зинда кардааст. Растохези Ӯ исбот мекунад, ки Худо қаноатманд аст. Ва мо бо *амалҳо* сафед карда шудаем (Яъқ. 2,24). Амалҳо исботи зоҳирии ҳақиқат будани имони мост. Онҳо барои ифодаи зоҳирии он чи дар дигар ҳолат ноаён аст, хизмат мекунанд. Аз рӯи онҳо мо хулоса бароварда метавонем, ки одам бо файз, бо имон, бо Хун, бо Худо, бо қудрат ва бо корҳо сафед карда шудааст. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна мухолифат нест. Ин фикрҳо танҳо ҷиҳатҳои гуногуни худи ҳамон як ҳақиқатро ифода мекунанд. Файз принсипе мебошад, ки дар асоси он Худо сафед мекунад; имон – воситаи ба даст овардани он; Хун – арзише, ки Наҷотдиҳанда бояд мепардохт; Худо – Шахсияти фаъол дар сафед кардан; қудрат – исботи сафедшавӣ; корҳо – натиҷаи он.

**2,14** Яъқуб исрор мекунад, ки имони бо амалҳои нек мустаҳкамнашуда наҷот намебахшад. Ду воситаи ёридиҳанда барои фаҳмидани ин оят ҳаст. Пеш аз ҳама, Яъқуб намегӯяд: «Чӣ фоида аз он ки одам имон дорад». Ӯ мегӯяд: *«Чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад»*. Ба ибораи дигар, маъно на дар он аст, ки одами *ҳақиқатан* имондор ба ҳар ҳол наҷот наёфтааст. Яъқуб одамеро тасвир менамояд, ки танҳо ба ном масеҳӣ аст. Ӯ *мегӯяд,* ки имон дорад, вале ҳеҷ чиз дар зиндагии ӯ ба ин ишорат намекунад. Калиди дуюми муфид дар саволе нишон дода шудааст, ки оят бо он ба охир мерасад: «Оё чунин[4] имон ӯро наҷот дода метавонад?» Агар аз Яъқуб мепурсиданд, ки ӯ чӣ гуна имонро дар назар дорад, ӯ ба қисми якуми оят ишорат мекард. Ӯ дар бораи *чунин имоне* ки бо амалҳои нек мустаҳкам карда нашудааст, мегӯяд. Чунин имон ба ҳеҷ чиз намеарзад. Ин танҳо суханҳост ва дигар ҳеҷ чиз.

**2,15-16** Дар ин оятҳо беҳудагии суханҳо бе корҳо тасвир карда шудааст. Дар онҳо сухан

дар бораи ду одам меравад. Яке на *ризқу рӯзӣ* дорад, на либос. Дигарӣ ҳам ину ҳам онро дорост, вале онро бо ҳам дидан намехоҳад. Худро хеле олиҳиммат вонамуд карда, ӯ ба бародари камбағали худ мегӯяд: «Рав ягон либос пӯш ва хуб хӯрок хӯр». Вале ӯ барои имконпазир гардидани ин ҳатто ангушти хурдашро ҳам намеҷунбонад. Чунин суханони ӯ то чӣ андоза хубанд? Онҳо ба ҳеҷ чиз намеарзанд! Онҳо сер намекунанд ва *танро* гарм намекунанд.

**2,17** *Ҳамчунин имон низ, агар амалҳо надошта бошад, ба худии худ мурда аст.* Имон бе амалҳо – умуман имони ҳақиқӣ нест. Ин танҳо гап аст. Яъқуб намегӯяд, ки мо бо имон ва *илова бар он* бо корҳо наҷот меёбем. Чунин таълим додан – яъне кори анҷомдодаи Худованд Исои Масеҳро камаҳамият нишон додан аст. Агар мо бо имон ва илова бар он бо корҳо наҷот меёфтем, пас ду наҷотдиҳанда мебуд – Исо ва худи мо. Вале Инҷил мегӯяд, ки Масеҳ ягона Наҷотдиҳанда аст. Яъқуб таъкид мекунад, ки имони рӯякӣ наҷот намедиҳад; он имоне наҷот медиҳад, ки ба амалҳои нек ҳаёт мебахшад. Ба ибораи дигар, амалҳо на решаи наҷот, балки самар мебошанд; онҳо на сабаб, балки натиҷаанд. Калвин ин вазъиятро мухтасар тасвият медиҳад: «Мо танҳо бо имон наҷот ёфтаем, вале на бо имоне ки танҳо мемонад».

**2,18** Имони ҳақиқӣ ва амалҳои нек ҷудонашавандаанд. Яъқуб инро дар мисоли баҳси ду шахс нишон медиҳад. Одами якум, ки дар ҳақиқат наҷот ёфтааст, гуфтугӯро баён мекунад. Дуюмӣ мегӯяд, ки имон дорад, вале онро бо амалҳои нек тасдиқ карда наметавонад. Аввалӣ, гӯё ки ба дигараш даъвати беҷавоб мекунад. Мо метавонистем гуфтугӯи онҳоро андаке тағйир диҳем: «Бале, – одилона ва ҳаққонӣ *гуфта* метавонад одами якум, – *ту* мегӯӣ, ки *имон дорӣ,* вале амалҳои исботкунандаи онро надорӣ. Ман исрор мекунам, ки имон бояд бо корҳо тақвият дода шавад. Ба ман исбот намо, ки ту *имони бе амалҳои* нек дорӣ. Ту инро карда наметавонӣ. Имон диданашаванда аст. Ягона воситаи бовар кунонидани дигарон, ки ту имон дорӣ, – онро намоиш дода зистан аст. *Ман ба ту имони худро аз амалҳои худ нишон медиҳам*». Калид ба ин оят дар феъли *«нишон додан»* мебошад: имонро танҳо бо амалҳо нишон додан мумкин аст.

**2,19-20** Баҳс давом мекунад. Ҳоло ҳам одами якум гап мезанад. Эътирофи имон ба ғайр аз ризоияти ақлӣ бо далели маълум чизи дигаре буда наметавонад. Чунин ризоияти ақлӣ ба одам ҳеҷ гуна уҳдадорӣ намегузорад ва зиндагиро дигаргун намесозад. Ба вуҷуд доштани *Худо* имон доштан кифоя нест. Ин, албатта, хеле муҳим аст, вале ин кифоя нест. Ҳатто *девҳо* ба мавҷудияти Худо *имон доранд* ва дар фикри ҷазои охирин меларзанд. *Девҳо* ба далел *имон доранд,* вале ба Шахсият итоат намекунанд. Ин имон наҷот намедиҳад. Ҳангоме ки одам дар ҳақиқат ба Худованд имон дорад, ин имон ба рӯҳ, ҷон ва тан уҳдадорӣ мегузорад. Ин уҳдадориҳо, дар навбати худ, аз паси худ дар зиндагӣ тағйиротҳо меоваранд. *Имон* бе *амалҳо* танҳо имони ақл аст ва бинобар ин мурда[5] мебошад.

**2,21** Ин ҷо ду мисоли имони Аҳди Қадим, ки бо корҳо мустаҳкам гардидааст, оварда шудаанд. Яке дар бораи *Иброҳими* яҳудӣ, дигараш бошад дар бораи *Роҳоби* ғайрияҳудӣ. *Иброҳим писари худ Исҳоқро ба қурбонгоҳ бароварда бо амалҳои худ сафед шуд.* Биёед барои дар дурнамои даркорӣ дидани ин ҳақиқат ба Ҳастӣ 15,6 муроҷиат мекунем. Мо медонем, ки Иброҳим ба Худованд бовар кард ва Ӯ инро ба ӯ чун росткорӣ ҳисобид. Иброҳим ба Худованд бовар намуда, сафед карда шуд. Вале дар Ҳастӣ 22 мо медонем, ки Иброҳим писари худро ба қурбонӣ пешниҳод мекунад. Маҳз ҳамон вақт ӯ *бо амалҳо сафед шуда* буд. Ҳамин ки Иброҳим ба Худованд имон овард, дар назари Худо сафед карда шуд. Вале баъд, пас аз ҳафт боб, Худо имони Иброҳимро месанҷад. Иброҳим тайёр буд Исҳоқро қурбонӣ кунад, ва бо ҳамин ҳақиқат будани имонашро тасдиқ кард. Итоати ӯ оид ба он шаҳодат медод, ки ӯ на танҳо бо ақл, балки бо дил имон овардааст.

Баъзан эътироз мекунанд, ки дар ҳамон лаҳзае ки Иброҳим Исҳоқро ба қурбонгоҳ мегузошт, дар наздаш ҳеҷ кас набуд, яъне, Иброҳим ҳақиқат будани имони худро ба ҳеҷ кас исбот карда наметавонист. Вале ҷавононе ки Иброҳимро ҳамроҳӣ мекарданд, дар наздикӣ интизори аз кӯҳ баргаштани Иброҳим ва Исҳоқ буданд. Ба ғайр аз ин, Исҳоқ дар он ҷо буд. Ҳамчунин дар бораи бо амри Худо ба куштани писараш тайёр будани Иброҳим дар Навиштаи Муқаддас навишта шудааст ва ба ҳамин тариқ ҳақиқӣ будани имони ӯ ба ҳамаи наслҳо намоиш дода шудааст.

**2,22-23** Равшан аст, ки имони Иброҳим ба корҳои ӯ боис гашт ва *имони ӯ ба воситаи амалҳо ба камол расид.* Имони ҳақиқӣ ва корҳо ҷудонашавандаанд. Аввалӣ дуюмиро меоварад, дуюмӣ бошад оид ба аввалӣ шаҳодат медиҳад. Дар қурбонӣ овардани Исҳоқ мо тасдиқи амалии имони Иброҳимро мебинем. Ин иҷроиши амалии *Навиштаи Муқаддас* буд, ки дар он гуфта шудааст, ки *Иброҳим* имон дошт ва сафед карда шуд. Аъмоли неки ӯ тасдиқ кард, ки ӯ *дӯсти Худо* буд.

**2,24** Аз ин ҷо мо ба хулосае меоем, *ки одамизод ба василаи амалҳо сафед карда мешавад, на танҳо ба воситаи имон.* Боз ҳам ин онро ифода намекунад, ки Иброҳим бо имон *ва* корҳо сафед карда шуда буд. Ӯ бо *имон* дар пеши Худо ва бо *амалҳо* дар пеши одамон сафед карда шуда буд. Худо ӯро дар лаҳзаи бовар карданаш сафед кард. Одам мегӯяд: «Ҳақиқӣ будани имони худро ба ман исбот кун». Ягона воситаи кардани ин – нишон додани амалҳои нек аст.

**2,25** Мисоли дуюм аз Аҳди Қадим – *фоҳиша Роҳоб* аст. Ӯ, албатта, *на* барои рафтори намунавӣ наҷот ёфта буд (ӯ фоҳиша буд!). Вале ӯ *бо амалҳо сафед шуд,* зеро ки *фиристодагонро қабул карда, ба роҳи дигар равона кард.* Роҳоб канъонӣ буд, ки дар шаҳри Ериҳӯ зиндагӣ мекард. Ӯ хабарҳоеро шунида буд, ки ба шаҳр лашкари пирӯзманд наздик шудааст ва ҳеҷ кас ба ин лашкар муқобилат карда наметавонист. Ӯ ба хулосае омад, ки Худои яҳудиён Худои ҳақиқист ва қарор дод ба ҳар воситае ки бошад тарафдори ин Худо шавад. Ҳангоме ки ба шаҳр ҷосусон ворид шуданд, ӯ онҳоро дӯстона пазироӣ намуд. Дар айни ҳол ӯ ҳақиқӣ будани имони худашро ба Худои зинда ва ҳақиқӣ исбот намуд. Ӯ на аз он сабаб наҷот ёфт, ки ба ҷосусон паноҳгоҳ дод, вале ин меҳмондӯстӣ исбот намуд, ки вай ҳақиқатан имондор аст.

Баъзе одамон ин ҷойро нодуруст истифода мебаранд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки наҷот то андозае ба амалҳои нек вобаста аст. Вале, дар айни ҳол, *онҳо* амалҳои нек гуфта хайрот, пардохти қарзҳо, бовиҷдонӣ ва ба калисо рафтанро дар назар доранд. Оё корҳои Иброҳим ва Роҳоб ба ҳамин маъно нек буданд? Албатта, не! Иброҳим ба куштани писараш тайёр буданашро нишон дод. Роҳоб хиёнаткор шуд. Агар аз ин корҳо имонро ҷудо кунем, онҳо бештар бад мебошанд, на хуб. «Онҳоро аз имон маҳрум кунед ва онҳо на танҳо бадахлоқонаву бераҳмона, балки гунаҳкорона мешаванд». Макинтош чӣ хуб гуфтааст: «Ин порча ба амалҳои зиндагӣ дахл дорад, на ба амалҳои шариат. Агар шумо имони Иброҳим ва Роҳобро аз амалҳои онҳо гиред, пас онҳо амалҳои бад мешаванд. Ба онҳо чун самари имон нигоҳ кунед ва онҳо амалҳои зиндагӣ мешаванд».

Аз ҳамин сабаб ин на он ҷоест, ки дар таълимот оид ба наҷот бо амалҳои нек ба кор бурдан мумкин бошад. Вай ба воситаи куштор ва хиёнат наҷот ёфтанро таълим дода, шогирдро ба ҳолати ноустувор мегузорад!

**2,26** Яъқуб бобро бо тасдиқ ба охир мерасонад: *«Зеро, чунон ки бадан бе рӯҳ мурда аст, имон низ бе амалҳо мурда аст».* Дар ин ҷо моҳияти масъала хеле зебо ҷамъбаст карда шудааст. Яъқуб *имонро бо бадани* одам муқоиса мекунад. *Амалҳоро ӯ ба рӯҳ* монанд мекунад. *Бадан бе рӯҳ* мурда аст, бефоида аст, ҳеҷ гуна арзиш надорад. Ҳамчунин *имон бе амалҳо мурда аст,* бесамар аст, ба ҳеҷ чиз намеарзад. Аз афти кор, ин имони қалбакист, на имони ҳақиқӣ ва наҷотбахшанда.

Гуфтаҳои Яъқубро дар ин боб ҷамъбаст карда, биёед ба саволҳои зерин ҷавоб дода, имони худро месанҷем: оё ман, чун Иброҳим, азизтарин чизи дар зиндагиам бударо ба Худо пешниҳод кардан мехоҳам? Оё ман, чун Роҳоб, ба ҷаҳон хиёнат кардан мехоҳам, то ки ба Масеҳ писанд оям?

## VI. ЗАБОН: ИСТИФОДА ВА СУИИСТИФОДА (3,1-12)

Аввалин дувоздаҳ ояти боби 3 дар бораи забон (ки ҳамчунин дар 1,19.26; 2,12; 4,11; 5,12 зикр шудааст) мегӯяд. Чунон ки табиби кӯҳнапараст забони беморро аз назар мегузаронад, то бемории ӯро ташхис намояд, Яъқуб низ саломатии рӯҳии одамро аз рӯи забони ӯ месанҷад. Худтафтишкуниро аз гуноҳҳои забон бояд сар кард. Яъқуб бо латифаи ҳозиразамон розӣ мешуд, ки мегӯяд: «Ба забони худ диққат деҳ. Он дар ҷои тар мебошад, ки дар он ҷо лағжидан осон аст!»

**3,1** Боб аз огоҳонидан оид ба кӯтоҳандешона будани хоҳиши муаллими Каломи

Худо шудан сар мешавад. Ҳарчанд забон аниқ номбар нашудааст, фикри асосӣ дар ин ҷо чунин аст: касе ки ҳангоми таълими Навиштаи Муқаддас аз забони худ истифода мебарад, дар назди Худо ва одамон ҷавобгарии иловагӣ дорад. Суханони *«Бисёре аз шумо муаллим нашавед»*-ро тағйир додан мумкин аст: «Ин қадар шуҳратпараст нашавед, то ки ба муаллим шудан кӯшиш кунед». Онро чун манъи истифодаи атои Худо ба шахсе ки ҳақиқатан барои таълим додан даъват шудааст, фаҳмидан лозим нест. Ин танҳо огоҳӣ оид ба он аст, ки ба ин хизмат бояд ҷиддӣ муносибат кард. Онҳое ки Каломи ҳақиқатро таълим медиҳанд, агар чизи таълим медодаашонро дар амал истифода бурда натавонанд, ба *доварии* бузург дучор мегарданд.

Навиштаи Муқаддасро таълим додан ҷавобгарии азим аст. Муаллим бояд тайёр бошад, ки ба он чи дар Калом мебинад, итоат кунад. Ӯ дар ҳеҷ ҳолат умедвор буда наметавонад, ки дигарон аз пайи ӯ дуртар аз он чи ӯ худ дар таҷриба истифода мебарад, мераванд. Дараҷаи таъсири ӯ ба дигарон бо он муайян карда мешавад, ки худи ӯ чӣ қадар пеш рафтааст. Муаллим дар дигарон ба худ монандро аз нав меофарад, ӯ онҳоро ба худ монанд мекунад. Агар ӯ маънои равшани ягон порчаи Навиштаро норавшан ё нодуруст нишон диҳад, ӯ ба инкишофи шогирдони худаш монеъ мешавад. Агар ӯ аз ягон гуноҳ чашм пӯшад, ба зиндагии бе муқаддасӣ мусоидат мекунад. Ягон китоби дигар ҳамчун Инҷил ба хонандагон чунин талаботро пешниҳод намекунад. Вай даъват мекунад, ки худро пурра ба Исои Масеҳ бахшем. Ӯ таъкид мекунад, ки Ӯ бояд Худованди ҳар як ҷанбаи зиндагии масеҳӣ шавад. Ин хеле масъулиятнок аст – аз чунин китоб таълим додан!

**3,2** Акнун Яъқуб аз хизмати махсуси таълим ба мавзуи умумии гуфтор мегузарад. *Ҳамаи* мо *ба бисёр пешпо хӯрдан* моилем, вале агар одам ҷилави забонашро нигоҳ дошта тавонад ва дар сухан гуноҳ накунад, пас вай дар ҳақиқат худро комилан идора карда метавонад. Он касе ки гуфторашро идора карда метавонад, дар дигар соҳаҳои зиндагӣ низ бояд бо худдорӣ мушкилӣ надошта бошад. Албатта, Худованд Исои Масеҳ ягона касест, ки замоне дар ин бобат ба ғояти камол расид, вале маъно дар он аст, ки ҳар яки мо метавонад *комил,* яъне баркамол, устувор, пурра худро идора карда метавонистагӣ шавад.

**3,3** Сипас панҷ фигураи риторикӣ, ё ташбеҳоти бадеӣ барои забон оварда мешаванд. Пеш аз ҳама он бо сӯлуқ муқоиса карда мешавад. Сӯлуқ қисми ба тасмаҳои ҷилав пайвастшудаи афзоли асп аст, ки *ба даҳони аспҳо* андохта мешавад. Бо сӯлуқ лаҷоми дароз пайваст аст. Сӯлуқ аз меҳварҳои хурди фулузӣ иборат аст, ки одам бо ёрии онҳо аспро идора карда метавонад. Яъне забон метавонад ҳаётро ё ба тарафи хубӣ равона кунад, ё ба бадӣ.

**3,4** Шабоҳати дуюм байни забон ва *суккон* гузаронида мешавад. Нисбат ба худи киштӣ *суккон* хеле *хурд* аст. Вазни он ҳиссаи ками вазни киштиро ташкил медиҳад. Масалан, киштии «Малика Элизабет» 83 673 тонна вазн дошт. Суккони ин киштӣ ҳамагӣ 140 тонна вазн дошт – камтар аз ду даҳяки фоиз аз вазни умумӣ. Ба ҳар ҳол, вақте ки суккон *равона карда мешавад,* роҳи киштиро тағйир медиҳад. Аз ақл берун менамояд, ки одам бо ёрии чунин дастгоҳи нисбатан хурд киштии бузургро идора карда метавонад; бо вуҷуди ин маҳз чунин мешавад. Пас, қувваи забонро аз барои андозаи он кам баҳо додан лозим нест. Ҳарчанд ин узви хурд ва нисбатан ниҳонии ҷисм бошад ҳам, бо дастовардҳои бузурги ҳам хуб ва ҳам бад болида метавонад.

**3,5-6** Дар муқоисаи сеюм забон ба *оташ* монанд карда мешавад. Бедиққатона партофта шудани гӯгирди сӯхтаистода сабабгори сӯхтор мешавад. Он метавонад *ҷангалро* сӯзонда, дар ҷои он тӯдаи хокистарро гузорад. Гӯгирдаки хурд дар худ чӣ гуна имкониятҳои вайронкунӣ ва хоку туробкунӣ дорад! Яке аз калонтарин фалокатҳо дар таърих сӯхтори соли 1871 дар Чикаго буд. Аз рӯи шаҳодат, ин сӯхтор аз он сар задааст, ки гови хонум О'Леарӣ фонусро бо сумаш лагад задааст. Ин ҳамин хел аст ё не, вале дар давоми се рӯз сӯхтор якчанд километри квадратии шаҳрро несту нобуд кард. Дар натиҷаи сӯхтор 250 нафар одам ҳалок гардиданд ва 100 ҳазор одам бехонумон монданд; зарари расонидаи он 175 миллион доллар баҳо дода мешавад. Забон ба гӯгирди даргирондаи хурдакак, ё ба фонуси чаппагардоншуда монанд аст. Иқтидори бадии он қариб беинтиҳост. Яъқуб оид ба он чун *«ҷаҳоне аз норостӣ дар миёни узвҳои мо»* сухан меронад. Калимаи «ҷаҳон» дар

ин ҷо барои ифодаи беинтиҳоӣ кор фармуда мешавад.

Забон ҳарчанд хурд аст, имкониятҳои зиёди бадӣ карданро дорад.

Дар мисоли суҳбати ду зан аз Бруклин чӣ гуна паҳн шудани шуълаи бадгӯиро нишон додан мумкин аст. Яке мегӯяд: «Тиллӣ ба ман гуфт, ки ту он сирреро, ки аз ту хоҳиш карда будам, то ба ӯ нагӯй, ба ӯ нақл кардаӣ». Дигараш ҷавоб медиҳад: «Ана махлуқи разил. Вай ба ман қавл дод, ки ба ту намегӯяд, ки ман сирри туро ба ӯ гуфтаам». Аввалӣ ҷавоб медиҳад: «Майлаш, ман ба Тиллӣ ваъда додам, ки ба ту намегӯям, ки ӯ дар ин бора ба ман гуфтааст; бинобар ин ба ӯ нагӯй, ки ман ин корро кардам».

*Забон тамоми ҷисмро* палид карда метавонад. Одам забони худро барои тӯҳмат, таҳқир, дурӯғ, куфр ва қасам истифода бурда, худро то бадахлоқии пурра расонда метавонад.

Чаппел менависад:

*Шахси аз ҳама чиз норозӣ ба худ зарар мерасонад ... Сиёҳкунандаи дигарон наметавонад дасту дили худро бо ҳамон сиёҳӣ ифлос накарда, дар вақтгузаронии дӯстдоштааш иштирок кунад. Мо аз чунин таҷриба аксаран ҳисси нопокшавиро мебаровардем! Вале мо ҳаргиз ба ин намекӯшидем. Мо беҳуда умедвор будем, ки дигаронро сиёҳ карда, ба покии худамон ягон касро бовар кунонида метавонем. Мо хеле нодон будаем, зеро бовар мекардем, ки касеро паст зада, худамонро баланд бардошта метавонем. Мо кӯр шуда будем, ки тасаввур мекардем, ба зери хонаи ҳамсоя динамит гузошта, асоси хонаи худро мустаҳкам мекунем. Ҳеҷ гоҳ ин хел намешавад. Мо дар ҷидду ҷаҳди худ дар бадӣ кардан ба дигарон муваффақ буда метавонем, вале ҳамеша ба худамон зарари боз ҳам бештаре хоҳем расонд.*[6]

Забон *доираи* (ё чархи) *ҳаётро оташ медиҳад.* Ин «чарх» ҳангоми зода шудан ба ҳаракат дароварда шудааст. Вай ҳама соҳаҳои фаъолияти одамро фаро мегирад. Забони бад на танҳо ҳаёти шахсии одамро, балки тамоми фаъолияти ӯро ҳаром мекунад. Вай «бо бадии худ ҳам ба худи одам, ҳам ба тамоми ҳаёти ӯ» зарар мерасонад. Забони бад *аз ҷаҳаннам оташ гирифтааст.* Ҳамаи суханҳои бад аз ҳамон ҷо сар мезананд. Онҳо аз рӯи табиати худ дӯзахианд. Ба ҷои калимаи «дӯзах» дар ин ҷо калимаи «ҷаҳаннам» истифода мешавад; ба ғайр аз ин маврид, онро танҳо Худованд Исо дар Инҷил истифода мебарад.

**3,7** Тимсоли ҷорум, ки забон ба он монанд карда мешавад, ҳайвони ваҳшӣ, саркаш аст. Ҳамаи намуди ҳайвонот, парандаҳо, хазандаҳо ва бошандагони баҳрро ром кардан мумкин аст. Филҳо, шерҳо, палангҳо, парандаҳои ваҳшӣ, мор, кӯрмуши обӣ ва ҳатто моҳиҳои ромшударо бисёр дидан мумкин аст. Плиний ҷонварони дар вақташ аз ҷониби одамон ромшударо номбар мекунад: филҳо, шерҳо ва палангон – дар байни ҳайвонот; уқоб – дар байни парандагон; афъиҳо ва дигар морҳо; тимсоҳ ва моҳиҳои гуногун – дар байни бошандагони об. Баҳс кардан дар бораи он ки аслан на ҳамаи мавҷудот ром карда шудаанд – дар далелҳои Яъқуб чизи асосиро нафаҳмидан аст. Ҳеҷ гуна асосе нест чунин ҳисобем, ки одам ягон хел ҷонварро ром карда натавонад (агар вақти кофӣ дошта бошад ва суботкорӣ зоҳир намояд).

Роберт Г. Лӣ ба таври эътимодбахш инро баён мекунад:

*Одам бо филҳои калон чӣ кор кард? Ӯ бо зӯрӣ ба хонаҳои онҳо – ҷангалзорҳо, зада даромад, бо фиреб онҳоро ба дом овард ва ба аксари онҳо кашонда бурдани ғӯлачӯбҳоро, тела додани аробаҳои вазнинбор ва иҷро кардани дигар намудҳои корро ёд дод. Одам бо бисёр палангҳои банголии сабзчашм чӣ кор кард? Ӯ онҳоро дошта гирифт, таълим дод ва ба худ дӯст кард. Одам бо шерҳои ваҳшӣ, хашмгин ва пурзӯри африқоӣ чӣ кор кард? Бисёре аз онҳоро ӯ дастгир карда, аз ҳалқаи сӯхтаистода ҷаҳида гузаштан, аспсаворӣ, дар хавозаҳои баланд нишастан, ҳатто гурусна бошад ҳам, дар чангол гӯшти говро дошта истода бепарво будан, ба сухани одам итоат карда, ба қарсоси тозиёнаи дар дасти одам буда итоат карда хобидан, хестан, давидан, ғурриданро ёд дод. Воқеан, чандин сол пеш ман дар сирк шереро дидам, ки даҳони гуруснаи ба ғор монанди худро калон мекушод ва ҳамин хел кушода нигоҳ медошт ва одам – ромкунанда сари худро ба даҳони шер мегузошт ва дар он ҷо пурра онро як дақиқа дошта меистод.*

*Одам бо мори печони бузург чӣ кор кард? Бо питони калон чӣ кор кард? Ба сирк рафта ба занҳои хурдакаки монанди гулҳо нозук нигоҳ кунед, ки ҷисмашонро ин махлуқони бадҳайбат печонда, ба онҳо ҳеҷ гуна зарар намерасонанд.*

*Ба намоиш равед, ки дар он ҳайвонҳо иштирок мекунанд ва бинед, чӣ хел одам паланги хол-хол ва юзи алои хунхорро ба ҳайвонҳои ором ва безарар табдил додааст. Ба кайкҳои таълимгирифта, шағоли гуруснаи дар назди баррачаи нармдил хобида, ба лонаҳои кабӯтар ва уқоб, ки ҳамшафатанд, ба бозии сермағали гургу харгӯш нигаред.*[7]

**3,8** Вале муваффақияти одам дар ром кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ ба соҳаи *забони* худи ӯ паҳн намешавад. Агар мо бовиҷдон бошем, ҳақиқат будани инро дар ҳаёти худ бояд эътироф намоем. Пас аз гунаҳкоршавӣ мо фармонравоиро бар ин қисми хурдакаки ҷисмамон гум кардем. Дар худи одам қобилият ва қуввати идора кардани ин узви хурд нест. Танҳо Худо метавонад онро зери назорат нигоҳ дорад.

Баъдтар Яъқуб забонро чун *бадии боздоштанашаванда* тавсиф мекунад. Ин ифодаро бо суханҳои *«пур аз заҳри марговар»* пайваста, мо тахмин мекунем, ки Яъқуб мори беқарори заҳри марговар доштаро дар назар дорад. Як ё ду қатра метавонад кушад. Бинобар ин забон метавонад хирадро заҳролуд кунад ва обрӯро барҳам занад. Ҳамаи мо медонем, ки дар бораи дигарон ғайбат кардан чӣ тавр осон аст. Мо дар бадном кардани касе танҳо барои гуноҳҳои тахминӣ чандин бор иштирок кардаем. Баъзан умуман бесабаб дигаронро паст мезадем, танқид мекардем ва таъна мезадем. Кӣ зарари расонда, ашкҳои рехта, дилҳои захмдорро чен карда метавонад? Ва кӣ мусибати ба ҳаёти шахсии мо ва ба оилаҳоямон омадаро чен карда метавонад? Дарду алами дохилии моро фарогирифта, шарму ҳаё аз боиси зарурати узр пурсидан, таъсири манфӣ ба саломатии мо. Падару модаре ки кушоду равшан муҳокима кардани дӯстони масеҳиро раво медонистанд, дар оянда пай мебурданд, ки фарзандони онҳо худи ҳамон рӯҳи айбҷӯиро қабул карданд ва дур аз ҷамъияти масеҳӣ сарсону саргардон гаштаанд. Нархе ки мо бояд барои забони худсар бипардозем, хеле гарон аст.

Чӣ хел шифо ёбем? Ҳамарӯза аз Худованд хоҳиш кунем, ки Ӯ моро аз ғайбат, айбҷӯӣ ва суханони бад нигоҳ дорад. Дар бораи ягон кас бад нагӯед; муҳаббат гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад (1Пет. 4,8). Агар мо ба ягон шахс мухолифате дошта бошем, биёед рост назди ӯ равем ва ҳамаро дар муҳаббат муҳокима кунем ва якҷоя дуо гӯем (Мат. 18,15; Луқ. 17,3). Биёед кӯшиш намоем дар бародарони худ Масеҳро бинем, гуноҳҳои камро зиёд нишон надиҳем. Ҳангоме ки дигаронро бад гуфта таъна заданро сар мекунем, биёед як лаҳза бозистем ва фаҳмонем, ки давом додан маъно ва манфиат надорад. Баъзе чизҳоро беҳтараш нагуфта монем.

**3,9-10** Забонро ҳам барои мақсадҳои хуб ва ҳам бад истифода бурдан номувофиқ аст; дар табиат ба ин монанд чизе нест. Худи ҳозир одам бо забони худ *Худоро* муборак мехонад, вале баъд аз лаҳзае – онҳоеро ки *ба сурати Худо офарида шудаанд,* лаънат мегӯяд. Тасаввур кардан беъманост, ки аз як чашма банохост оби сифаташ тамоман гуногун ҷорӣ шавад! Чунин ҳолат ғайриимкон аст. Забоне ки Худоро муборак мехонад, бояд ба одамон ёрӣ диҳад, на ин ки онҳоро азоб диҳад. Ҳамаи он чи мо мегӯем, бояд аз санҷиши секарата гузарад: Оё ин ҳақиқат аст? Оё ин барои хубӣ хизмат мекунад? Оё ин зарур аст? Мо бояд ҳамеша аз Худованд хоҳиш кунем, ки ба забони мо посбон гузорад (Заб. 140,3), то суханони забонамон ва фикрҳои дилҳоямон дар назди Оне ки қувва ва Наҷотбахшандаи мост, мақбул бошанд (Заб. 18,15). Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ҷисми мо, ки дар бораи он дар Румиён 12,1 гуфта шудааст, забонро ҳам дар бар мегирад.

**3,11** Аз ҳеҷ гуна *чашма* дар як вақт *ҳам оби ширин ва ҳам оби талх* ҷорӣ намешавад. Забон низ набояд чунин кунад. Ҳама чизе ки аз он мебарояд, бояд якхела хуб бошад.

**3,12** Чунон ки оби чашма тароватбахш аст, ҳамчунин меваи *анҷир* ғизо медиҳад. *Анҷир* наметавонад *зайтун* оварад, ё *токи ангур – анҷир.* Дар табиат дарахт танҳо як намуди меваро ба бор меоварад. Чӣ хел мешавад, ки забон метавонад ду хел мева диҳад – нек ва бад?

Ин ҷойро ба ҷои ба ҳамин монанди Матто 7,16-20 иштибоҳ кардан лозим нест. Дар он ҷо моро меогоҳониданд, ки аз дарахтҳои бад меваи хуб интизор будан лозим нест. Одамони бад фақат кори бад карда метавонанд. Дар ин ҷо бошад ба мо гуфта шудааст, ки забонро барои овардани ду хел меваи мухолиф истифода намебаранд.

*Ҳеҷ гуна чашма* дар як вақт *ҳам оби шӯр, ҳам ширинро* дода наметавонад. Вай ё ин, ё он

мешавад. Мақсади ин мисолҳо аз табиат – ба мо ёдрас кардани он аст, ки нутқи мо бояд бетағйир нек бошад.

Ба ҳамин тариқ Яъқуб нутқи моро месанҷад. Пеш аз гузаштан ба оятҳои дигар, биёед ба худ саволҳои зеринро диҳем: оё дигаронро ба он чи худам итоат намекунам, таълим медиҳам? Оё ман ягон касро аз пасаш танқид мекунам? Оё нутқи ман ҳамеша бетағйир пок, ибратбахш, нек аст? Оё ман қасам ба номи Худо ё ҳақорат ба монанди «сабил монад», «ба Худо», «Худо занад», «Худоё»-ро истифода мебарам? Пас аз парастиш оё ман дар суҳбатҳои сабукфикрона оид ба ҳисоби бозии футбол иштирок мекунам? Оё ман суханбозии аз Навиштаи Муқаддас гирифташударо истифода мебарам? Ҳодисаеро нақл карда истода оё муболиға мекунам, то ки одамонро зиёдтар ҷалб кунам? Оё ман ҳамеша рост мегӯям, ҳатто агар ин сабаби аз даст додани дӯстон, маблағ ё обрӯву эътибори шахсӣ гардад?

## VII. ХИРАДИ ҲАҚИҚӢ Ё БАРДУРӮҒ (3,13-18)

Акнун Яъқуб фарқи байни хиради ҳақиқӣ ва бардурӯғро муҳокима мекунад. Оид ба хирад сухан ронда, вай на донишҳои одамро, балки ҳар рӯз чӣ хел зиндагӣ кардани ӯро дар назар дорад. Кори асосӣ на дониш доштан, балки ба тарзи муносиб истифода бурдани он аст. Дар ин ҷо одами ҳақиқатан бохирад тасвир ёфтааст. Дар асл ин одам Худованд Исои Масеҳ аст; Ӯ таҷассуми хирад аст (Мат. 11,19; Қур. 1,30). Вале он шахс низ хирадманд аст, ки дар ӯ ҳаёти Масеҳ зоҳир мешавад, ва дар ӯ самари Рӯҳ аён аст (Ғал. 5,22.23).

Дар ин ҷо ҳамчунин шахси дар пеши назари мардум бохирад тасвир ёфтааст. Ӯ мувофиқи принсипҳои ин ҷаҳон амал мекунад. Ӯ сифатҳои аз тарафи одамон васфшавандаро амалӣ мегардонад. Рафтори ӯ дар худ ҳеҷ гуна осори ҳаёти илоҳиро надорад.

**3,13** Агар одам *ҳаким ва бохирад* аст, ӯ инро бо *рафтори неки* худаш ва рӯҳи фурӯтанӣ, ки аз *хирадмандӣ* мебароянд, исбот мекунад. Худованд Исо, таҷассуми хиради ҳақиқӣ, мағрур ва ҳавобаланд набуд; Ӯ фурӯтан ва қалбан ҳаким буд (Мат. 11,29). Бинобар ин ҳар касе ки дар ҳақиқат бохирад аст, бо ҳалимии ҳақиқӣ фарқ мекунад.

**3,14** Барои одаме ки дар фаҳмиши ин дунё бохирад аст, *ҳасади талх ва* такаббури худбинонаи дар дил решагирифта хос аст. Ягона шавқи зиндагии ӯ ғамхорӣ оид ба манфиатҳои шахсӣ мебошад. Ӯ ҳеҷ гуна рақибонро тоқат надорад ва нисбати онҳо бераҳм аст. Ӯ бо хиради худ, ки ба ӯ муваффақият меоварад, фахр мекунад. Вале Яъқуб мегӯяд, ки ин аслан хирад нест. Чунин худситоӣ беҳуда аст. Ин рад кардани амалии ҳақиқат оид ба он аст, ки одами бохирад дар ҳақиқат хоксор аст.

**3,15** Ҳатто дар хизмати масеҳиёна ҳасади талх бурдан ба дигар хизматчиён ва барои худ ҷои намоён ҷустан имкон дорад. Ҳамеша хатари он вуҷуд дорад, ки роҳбарони калисо одамони бо фаҳмиши ин дунё бохирадро пешбарӣ хоҳанд кард. Мо ҳамеша бояд чораҳо бинем, то ба принсипҳои дунявӣ иҷозат надиҳем, ки дар корҳои рӯҳонӣ моро роҳбарӣ намоянд. Яъқуб чунин хиради бардурӯғро *заминӣ, нафсонӣ* ва *шайтонӣ* меномад. Дар ин се сифат прогрессияи пастравандаи муайян мушоҳида мешавад. Ҳикмати *заминӣ* ҳикматест на аз осмонҳо, балки аз ин замин. Ҳикмати *нафсонӣ* на самари Рӯҳулқудс, балки махсули табиати пасттари одам аст. Ҳикмати *шайтонӣ* – ин ҳикмат то амалҳое паст мефарояд, ки бештар на ба рафтори одамон, балки девҳо монанд аст.

**3,16** Ҳар дафъа бо *ҳасад ва худсарӣ* воҳӯрда, шумо ҳамчунин *носозӣ,* ноҷӯрӣ ва *ҳар* гуна *бадиро* меёбед. Чӣ гуна ҳақиқат! Оид ба ноoромӣ ва ошуфтагӣ, ки ҷаҳони имрӯзаро фаро гирифтааст, фикр кунед. Ҳамаи ин аз он сабаб аст, ки одамон Ҳикмати ҳақиқиро рад карда, бо ақли бардурӯғи худ амал мекунанд.

**3,17** *Ҳикмате ки* аз Худо мебарояд, *аввалан, пок аст.* Он дар фикр, сухан ва амалҳо покиза аст. Он на дар рӯҳ ва ҷисм, на дар таълим ва таҷриба, на дар имон ва ахлоқ доғдор нашудааст. Он ҳамчунин *осоишта* аст. Ин танҳо онро ифода мекунад, ки одами бохирад осоиштагиро дӯст медорад ва дар айни ҳол покиро қурбон накарда, барои дастгирии осоиштагӣ ҳама кори имконпазирро мекунад. Ин хусусиятро мисоли овардаи Лютер оид ба ду буз тасвир мекунад, ки дар кӯпрукчаи танг дар болои ҷӯйи чуқур воҳӯрданд. Онҳо ба ақиб баргашта наметавонистанд, вале ба мубориза кардан ҳам ҷуръат намекарданд. Баъд

аз гуфтугузори кӯтоҳ яке аз онҳо хобид ва ба дигараш иҷозати аз болояш гузаштанро дод ва ба ҳамин тариқ ҳеҷ кас ба дигараш зарар нарасонд. «Маъно, – гуфтааст Лютер, – одист: ризоманд бошед, агар ба хотири осоиштагӣ шахсияти шуморо поймол кунанд; шахсияти шуморо, мегӯям ман, вале на виҷдони шуморо». Ҳикмати ҳақиқӣ *меҳрубон* аст. Он қаноатпеша аст, на амир; боназокат аст, на дағал. Одами бохирад шахси олиҳиммат аст, ки ҳиссиёти дигаронро эҳтиром мекунад. А. Б. Симпсон мегӯяд: «Рафтору кирдори дағалона, истеҳзоомез, ҷавоби нешдор, тамасхури пуркина – ҳамаи ин ҳеҷ умумияте бо таълимоти Тасаллодиҳанда надорад».

Хусусияти дигари ҳикмате ки аз болост, дар он аст, ки вай *фармонбардор* аст. Он осоиштакунанда, дастрас, барои муҳокимаронӣ кушода аст, ва, агар ҳақиқат онро талаб кунад, ба гузашт кардан тайёр аст. Он ба саркашӣ ва якравӣ зид аст. Ҳикмате ки аз олами боло аст, *пур аз марҳамат ва самарҳои нек аст.* Он *пур аз марҳамат* ба онҳоест, ки дар роҳи хато мебошанд, ва тайёр аст барои ёфтани роҳи дуруст ёрӣ диҳад. Он дилсӯз ва хайрхоҳ аст. Дар он ҳеҷ гуна интиқомҷӯӣ нест; ба беэҳтиромӣ бо хайрхоҳӣ ҷавоб медиҳад. Он *беғараз аст,* яъне ҳаққонист, дар ӯ шиносбозӣ нест. Он ба дигарон беғаразона муносибат мекунад. Ниҳоят ҳикмати ҳақиқӣ *бериё аст.* Он самимӣ ва ҳақиқист. Он намехоҳад риёкорона аз асл беҳтар тобад.

Акнун биёед ин ду фикрроякҷоя менамоем ва суратҳои ин ду одамро мекашем – шахси ҳақиқатан бохирад ва шахси хиради бардурӯғ доштаро. Одами ҳақиқатан бохирад самимона хоксор аст. Ӯ дигаронро нисбат ба худаш болотар мегузорад. Ӯ ба худ намуди боақлро намегирад, балки мекӯшад, то дигарон худро дар муносибат бо ӯ озод ҳис кунанд. Рафтори ӯ аз рафтори атрофиён фарқ мекунад, он на аз ин дунёст. Ӯ на барои ҷисм, балки барои рӯҳ зиндагӣ мекунад. Суханон ва амалҳои ӯ шуморо ба фикр оид ба Худованд Исо водор мекунанд. Зиндагии ӯ пок аст. Ӯ ахлоқан ва рӯҳан беайб аст. Ӯ ҳамчунин сулҳдӯст аст. Ӯ ба таҳқир ва айбдоркунии бардурӯғ тоб меоварад ва мухолифат намекунад ё ақаллан ба сафед кардани худ кӯшиш намекунад. Ӯ хоксор, ҳалим ва меҳрубон аст. Бо ӯ муҳокима кардан осон аст, зеро ӯ бо майлу рағбат мекӯшад нуқтаи назари дигар касро фаҳмад. Ӯ интиқомҷӯй нест, баръакс, ҳамеша тайёр аст онҳоеро, ки ба ӯ ноҳақ рафтор мекунанд, бахшад. Беш аз он, ӯ одатан ба дигарон некӣ мекунад, махсусан ба онҳое ки ба ин намеарзанд. Ва ӯ ба ҳама якхела муносибат мекунад; ӯ азиздурдона надорад. Ба сарватмандон ҳамон гуна муроҷиат мекунад, ки ба камбағалон; бузургонро аз одамони одӣ афзал намешуморад. Ниҳоят, ӯ риёкор нест. Ӯ як чизро гуфта, дигар чизро дар назар надорад. Шумо ҳеҷ гоҳ аз ӯ хушомадро намешунавед. Ӯ ҳамеша рост мегӯяд ва ҳеҷ гоҳ мақсади ҳақиқии худро пинҳон намекунад.

Одами бохиради дунявӣ чунин нест. Дили ӯ пур аз ҳасад ва низоъ аст. Дар ҷидду ҷаҳди худ ба сарватмандшавӣ ӯ ба ҳар гуна рақиб ва ҳариф тоқатнопазир аст. Дар рафтори ӯ ягон қатра ҳам олиҳимматӣ нест; он аз замин болотар бардошта намешавад. Ӯ барои қонеъ кардани ҳирси ҷисмонии худ зиндагӣ мекунад, чунон ки ҳайвонҳо мекунанд. Усулҳои ӯ бераҳмона, хоинона ва шайтонӣ мебошанд. Дар зери костюми хеле хуб дарзмолшудаи ӯ ҳаёти бадахлоқона аст. Фикрҳои ӯ фосиқонаанд, ахлоқаш разилона, нутқаш бошад ифлос аст. Ӯ бо ҳамаи онҳое ки бо ӯ розӣ намешаванд ё ба ӯ мухолифат мекунанд, душманӣ мекунад. Дар хона, дар кор, дар ҷамъият ӯ ҳамеша мунозира мекунад. Рафтори ӯ тез ва омирона, беназокат ва дағалона аст. Ба ӯ наздик шудани одамон мушкил аст; ӯ онҳоро дар масофаи дасти ба пеш дароз кардашуда нигоҳ медорад. Бо ӯ оромона суҳбат кардан тақрибан номумкин аст. Ӯ ба ҳама чиз фикри тайёр дорад, ки тағйир додан мумкин нест. Ӯ намебахшад, ӯ интиқомҷӯй аст. Касеро дар хато ва иштибоҳ фош карда, ӯ бераҳм мегардад. Ӯ яқинан ба сели таҳқир, дағалӣ ва разолат ихтиёр медиҳад. Ӯ одамонро аз рӯи фоидае ки аз онҳо гирифтанаш мумкин аст, баҳо медиҳад. Вақте ки ӯ дигар онҳоро истифода бурда наметавонад, яъне аз шиносоӣ бо онҳо ҳама гуна умеди фоида барҳам мехӯрад, рағбатро ба онҳо гум мекунад. Ниҳоят, ӯ дурӯя ва мунофиқ аст. Шумо ҳеҷ гоҳ ба ӯ дилпур намешавед – на дар суханҳои ӯ, на дар рафтораш.

**3,18** Яъқуб бобро бо суханҳои *«Ва самараи адолат дар осоиш кошта мешавад, барои онҳое ки осоишро ба амал меоваранд»* ба охир мерасонад. Ин оят кӯпрукест дар байни он

чи мо муҳокима кардем ва он чи баъд меояд. Мо худи ҳозир фаҳмидем, ки ҳикмати ҳақиқӣ сулҳдӯст аст. Дар боби дигар мо дар бораи ихтилоф дар байни халқи Худо мехонем. Дар ин ҷо ба мо ёдрас менамоянд, ки ҳаёт ба раванди кишоварзӣ монанд аст. Фермер дорем (одами бохирад, мусолиҳакунанда), иқлим *(осоиш)*, ҳосил *(росткорӣ)* дорем. Фермер мехоҳад самари росткориро ҷамъ оварад. Оё онро дар шароити низоъ ва муноқиша сабзонидан мумкин аст? Не, киштукор бояд дар вазъияти сулҳу осоиш анҷом ёбад. Онро бояд онҳое ба амал оваранд, ки хислати сулҳдӯстона доранд. Он гоҳ самари адолат дар зиндагии шахсии онҳо ва дар зиндагии одамоне ки онҳо барояшон хизмат мекунанд, меафзояд.

Яъқуб бори дигар имони моро месанҷад, ин дафъа дар мавриди ҳикмате ки мо дар зиндагии ҳаррӯза зоҳир менамоем. Мо бояд аз худамон пурсем: Оё ман одамони ифтихорманди ҷаҳонро нисбат ба масеҳиёни хоксори Худованд Исо бештар эҳтиром мекунам? Оё ман ба Худованд дар бораи ба кӣ насиб шудани таърифу таҳсин фикр накарда хизмат мекунам? Оё ман барои ба натиҷаҳои хуб расидан баъзан воситаҳои шубҳаомезро истифода мебарам? Оё ман барои ба одамон таъсир расонидан ба хушомад роҳ медиҳам? Оё дар дили ман ба рашк ва хашм ҷой ҳаст? Оё ман писханд ва танбеҳи заҳрдорро ба кор мебарам? Оё фикрҳои ман, нутқам, амалҳоям пок аст?

## VIII. ҲАВАСҲО: САБАБ ВА ХАЛОСӢ (Б. 4)

Яъқуб ишорат кардааст, ки одами бохирад сулҳдӯст аст. Акнун ӯ низоъҳои фоҷиавиеро, ки бисёр вақт дар байни фарзандони Худо ҳастанд, ба ёд меоварад. Сабаби ҳамаи ин дар чист? Аз чӣ сабаб хонаҳои бадбахт ин қадар бисёранд ва калисоҳои бо мухолифатҳо парашаванда ин қадар зиёданд? Чаро чунин душмании ашаддӣ дар байни коркунони масеҳӣ дар ватан ва чунин мухолифатҳо дар байни миссионерон дар хориҷа мавҷуд аст? Сабаб дар он аст, ки мо беист мекӯшем иштиёқи лаззат бурдан ва соҳиби сарват шуданро қонеъ гардонем ва мехоҳем дар ин аз дигарон гузарем.

**4,1** Таассуфовар аст, ки дар байни масеҳиён *ҷангу ҷидол* ҳаст. Дурандешона нест чунин пиндорем, ки ин оятҳо ба масеҳиён дахл надоранд, вагарна онҳо барои мо ҳама арзиши худро гум мекунанд. Сабабҳои ин душманӣ дар чист? Он аз *ҳавасҳои* зиёдест, ки дар вуҷуди мо ҳамеша бахри қаноатманд шудан ҷанг мекунад. Мо соҳиби неъматҳои моддӣ шуданро талабгорем. Мо барои обрӯву эътибор мекӯшем. Мо хоҳони кайфу сафо ва қонеъ гардидани ҳирси ҷисмонии худ ҳастем. Ин қувваҳои пурзӯр дар узвҳои мо меҷанганд. Мо ҳеҷ гоҳ қонеъ нестем. Мо ҳамеша зиёдтар мехоҳем. Ва ба ҳар ҳол чунин менамояд, ки мо ҳамеша дар хоҳиши ба даст овардани он чи мехоҳем, ноумед мешавем. Интизории қонеънашуда чунон пурзӯр мешавад, ки мо шахсони ба муваффақияти мо гӯё зид мебаромадаро лагадкӯб мекунем. Яъқуб мегӯяд: «Мекушед». Ӯ то андозае ин калимаро ба маънои маҷозӣ истифода мебарад. Мо таҳтуллафзан намекушем, вале ғазаб, ҳасад ва бераҳмӣ, ки аз мо мебарояд, дар ҳолати ҷанинӣ мекушанд.

**4,2-3** Мо *ҳавас мекунем – ва надорем.* Мо нисбат ба дигарон зиёдтар ва беҳтар доштан мехоҳем. Ва дар ин саъю кӯшиш мо душманӣ мекунем ва якдигарро мехӯрем.

Неъмат ва Малика ба наздикӣ хонадор шуданд. Кори Неъмат миёна, бо маоши мӯътадил аст. Малика мехоҳад ҳамон хел хонаи хубе дошта бошад, ки ҷуфти ҷавони дигар дар калисо доранд. Неъмат автомобили навъи охирин мехоҳад. Малика техникаи маишии бисёр нағз ва ҷиҳози зебои хонаро мехоҳад. Баъзе аз ин чизҳоро ба кредит харидан лозим меояд. Маоши Неъмат базӯр мерасад, ки ба чунин шиддат тоб оварад. Баъд дар оила кӯдак пайдо мешавад; ин хароҷоти иловагиро ба вуҷуд меоварад. Буҷети оила хеле ноустувор аст. Азбаски талаботҳои Малика меафзоянд, Неъмат эътироз карда сар мекунад ва тундмизоҷ мешавад. Дар ҷавоб Малика бадгапӣ ва гиряро истифода мебарад. Ба зудӣ деворҳои хона аз ғавғои даҳонӣ ба ларза медароянд. Чизпарастӣ оиларо барҳам медиҳад.

Дар дигар ҳолат чунин шуданаш мумкин аст, ки Малика ҳасуд аст. Ба ӯ чунин метобад, ки Умед ва Муҳаббат дар ҷамоат нисбат ба ӯ ва Неъмат ҷои намоёнтареро ишғол менамоянд. Пас аз чанде ӯ Муҳаббатро маломате мекунад, ки иззати нафси ӯро таҳқир менамояд. Дар байни онҳо тез душманӣ ба вуҷуд меояд, Неъмат ва Умед низ ба мубориза кашида

мешаванд. Баъд масеҳиёни дигар тарафдори яке аз ҷонибҳо мешаванд – ва аз боиси кӯшиши ба мақоми намоён расидани як одам ҷамоат аз ҳам ҷудо гардид.

Дар ин ҷо манбаи моҷаро ва душманӣ дар байни масеҳиён нишон дода шудааст. Онҳо аз хоҳиши зиёдтар ба даст овардан ва ҳасад ба вуҷуд меоянд. «Аз ҳамсоя ақиб намондан» – чунин аст номи боназокатонаи ин падида; барои дақиқтар будан онро бахилӣ, ҳарисӣ ва ҳасад номидан лозим аст. Хоҳиш чунон бузург мегардад, ки одамон ҳама кори имконпазирро мекунанд, то ки онро қонеъ гардонанд. Онҳо барои фаҳмидани он шитоб намекунанд, ки лаззати ҳақиқӣ на дар қонеъ гардидани хоҳишҳои худ, балки дар қобилияти танҳо ба хӯрок ва либос қонеъ будан аст (1Тим. 6,8).

Муносибати дуруст ба ин масъала – дуо гуфтан аст. «Мунокиша накунед. Душманӣ накунед. Дуо кунед», – мегӯяд Яъқуб. *Надоред, чунки илтимос намекунед.* Ба ҷои он ки ҳамаи эҳтиёҷоти худро дар дуо пеши Худованд биёрем, мо мекӯшем чизи мехостаамонро бо ҷидду ҷаҳди худ ба даст оварем. Агар чизи надоштаамонро мехоста бошем, пас бояд дар ин бора аз Худо хоҳиш намоем. Агар мо илтимос намоем ва дуо беҷавоб монад, пас чӣ? Ин онро ифода мекунад, ки ниятҳои мо пок набуданд. Мо на барои ҷалоли Худо ё беҳбудии наздикони худ ба ин молу мулк соҳиб шудан мехостем. Мо онро барои хурсандии худбинонаи шахсиамон мехостем. Мо мехостем, ки он ҳирси табиии моро қонеъ гардонад. Худо ваъда намедиҳад, ки ба чунин дуо ҷавоб медиҳад.

Дар ин се ояти аввал дарси ҷиддӣ оид ба рӯҳшиносӣ дода шудааст. Агар одамон бо он чи Худо ба онҳо додааст, қонеъ мегардиданд, аз чӣ гуна ихтилоф ва изтиробҳои ҳаяҷоновар наҷот ёфтан муяссар мегардид! Агар мо наздикони худро ба монанди худамон дӯст медоштем ва бо ҳам диданро бештар аз соҳиб шудан мехостем, он гоҳ ҷаҳон чӣ гуна мешуд! Агар мо ба фармонҳои Наҷотдиҳанда оид ба тарк кардани ҳамаи чизҳои ҷамъоварда ва на дар замин, балки дар осмонҳо ҷамъ овардани ганҷ пайравӣ мекардем, ҳамаи ҷангу ҷидол бархам мехӯрд!

**4,4** Яъқуб муҳаббати беандоза ба чизҳои моддиро чун зинокории рӯҳӣ таъбир мекунад.[8] Худо мехоҳад, ки мо Ӯро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама дӯст дорем. Чизҳои бебақои ин ҷаҳонро дӯст дошта, мо ба Ӯ хиёнат мекунем.

Бахилӣ шакли бутпарастист. Ин онро ифода мекунад, мо он чизеро, ки Худо ба мо додан намехоҳад, исроркорона мехоҳем. Ин онро ифода мекунад, ки мо дар диламон ба бутҳо ҷой додаем. Мо чизҳои моддиро аз хости Худо болотар медонем. Бинобар ин бахилӣ бутпарастист, бутпарастӣ бошад хиёнати рӯҳӣ ба Худованд аст.

Дустӣ бо ҷаҳон инчунин *душманӣ бо Худост. Ҷаҳон* дар ин ҷо на сайёраест, ки дар он зиндагӣ мекунем ва на табиатест, ки моро иҳота кардааст. Ин сохтест, ки одам ба вуҷуд овардааст, ва мақсади он – ҳаваси ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ аст. Дар ин сохт ба Худо ва Писари Ӯ ҷой нест. Ин ҷаҳони санъат, фарҳанг, маориф, илм ва ҳатто дин буда метавонад. Вале ин соҳаест, ки дар он номи Масеҳ нофорам аст ё ҳатто манъ аст, магар ин ки он расмияти беҳудаест. Хулоса, ин ҷаҳони одамист, ки берун аз ҳудуди Калисои ҳақиқӣ мебошад. *Дӯсти* ин сохт *будан* – яъне *душмани Худо* шудан аст. Маҳз ҳамин ҷаҳон Худованди зиндагӣ ва ҷалолро ба салиб кашид. Дар ҳақиқат ҷаҳони динӣ дар маҳкум ба марг намудани Ӯ нақши муҳим бозидааст. Аз ҳақиқат дур менамояд, ки масеҳиён бо ҷаҳоне ки Наҷотдиҳандаи онҳоро куштааст, даст ба даст рафтан мехоҳанд!

**4,5** Ояти 5 дар Нома яке аз мушкилтаринҳо аст. *Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: «Рӯҳеро ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад?»*

Мушкилии аввалин аз он иборат аст, ки Яъқуб, зоҳиран ба Навиштаҳои Аҳди Қадим истинод мекунад. Вале ин суханҳо на дар Аҳди Қадим ҳастанд ва ҳатто на дар китобҳои апокрифӣ. Ду шарҳи имконпазир ҳаст. Азбаски ин суханҳо дар Навиштаҳои Аҳди Қадим ёфт нашуданд, Яъқуб, шояд онҳоро чун таълимоти умумии Навиштаи Муқаддас иқтибос овард. Далели дуюми масъала дар як тарҷумаи англисии Навиштаи Муқаддас дода шудааст. Дар он ҷо оят ба ду савол ҷудо карда шудааст: «Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст? Оё рӯҳе ки дар мо сокин аст, толиби ҳасад аст?» Дар ин ҷо он дар назар дошта шудааст, ки рӯҳи дунявии рақобатро маҳкум карда, Китоби Муқаддас суханҳоро беҳуда ҳайф намекунад.

Душвории дуюм дар ояти 5 – маънои қисми дуюми оят аст. Масъала аз он иборат аст, ки оид ба кадом рӯҳ сухан меравад: Рӯҳулқудс ё рӯҳи худсари ҳасад?[9] Агар аввалинаш дар мадди назар бошад, яъне Рӯҳулқудсе ки Онро Худо ба мо дод, бахилӣ ва ҳасади ба душманӣ оварандаро ба вуҷуд намеорад; аниқтараш Ӯ *ба дараҷаи рашк* хоҳони садоқати пурраи мо ба Масеҳ аст. Агар дуюмаш дуруст бошад, пас маънои порча чунин аст: рӯҳи дар мо буда, яъне рӯҳи бахилӣ ва ҳасад, сабаби хиёнати мо ба Худо мебошад.

**4,6** *Лекин файзи бештаре мебахшад.* Дар панҷ ояти аввал мо дидем, ки табиати фарсудаи шахси масеҳӣ то чӣ андоза пургуноҳ буда метавонад. Акнун мо мефаҳмем, ки зидди ҳаваси ҷисм бо қувваи худ мубориза бурданамон лозим намеояд. Худоро шукр, ки ҳангоми зарурат Ӯ *файз* ва қувваи *бештаре медиҳад* (Ибр. 4,16). Ӯ ваъда додааст: «Ба монанди рӯзҳои ту қувваи ту меафзояд» (Так. Шар. 33,25; мувофиқи як тарҷумаи англисии Навиштаи Муқаддас).

*Вақти афзун гаштани душвориҳо*
*Медиҳад Ӯ файзи афзунтар ба мо.*
*Корҳо чун мешаванд бисёртар,*
*Мефиристад қувваи бисёртар.*
*Ӯ ба бадбахтии нав зам мекунад*
*Марҳаматҳои Худашро беадад.*
*Ӯ ба санҷишҳои афзуни башар*
*Медиҳад осоиши афзунтар.*

Эннӣ Ҷонсон Флинт

Барои исботи он ки Худо ҳангоми зарурат файз медиҳад, Яъқуб ба Масалҳо 3,34 истинод мекунад, вале ин ҷо боз як фикр ҳаст: маҳз *ба фурӯтанон,* на ба мағрурон, *файз* ваъда дода шудааст. *Худо ба мағрурон муқобилат мекунад,* вале дар назди рӯҳафтодагон тоб оварда наметавонад.

**4,7** Дар оятҳои 7-10 мебинем, ки ба тавбаи ҳақиқӣ шаш қадам мебарад. Яъқубро гуноҳҳои муқаддасон ғамгин мекард. Суханони Ӯ ба дилҳои мо чун тирҳои сарзаниш ворид мешаванд. Онҳо чун зарбаи барқ аз тахти Худо фурӯ мерезанд. Мо мефаҳмем, ки бо мо Худо сухан меронад. Дилҳои мо зери таъсири суханони Ӯ андӯҳгин мешаванд. Вале масъала акнун дар он аст, ки мо чӣ кор кунем?

Аввалин коре ки бояд кард – *ба Худо фармонбардор шудан* аст. Яъне мо ба Ӯ бояд итоат кунем, ба шунидани Ӯ тайёр бошем ва ба Ӯ мутеъ бошем. Мо бояд ҳассос ва дилшикаста бошем, на мағрур ва якрав. Баъд аз он бояд *ба иблис муқобилат кунем.* Мо ба пешниҳод ва васвасаи ӯ гӯшҳо ва диламонро баста, муқобилат мекунем. Мо Навиштаи Муқаддасро чун шамшери Рӯҳ барои рад кардани ҳамлаҳои ӯ истифода бурда, муқобилат мекунем. Агар мо муқобилат кунем, *ӯ аз* мо *мегурезад.*

**4,8** Сипас мо *ба Худо* бояд *наздик шавем.* Мо инро ба василаи дуо мекунем. Мо бояд назди Ӯ дар дуо бо имон дили ошуфтаамонро холӣ кунем. Ҳамин тариқ ба Ӯ наздик шуда, мо хоҳем дид, ки Ӯ *ба* мо *наздик мешавад.* Мо мепиндоштем, ки аз сабаби нафс ва муҳаббате ки ба дунё дорем, Ӯ аз мо дур мешавад, вале ҳангоме мо *ба Ӯ наздик мешавем,* Ӯ моро мебахшад ва зинда мекунад. қадами чорум: *«Дастҳои худро шӯед, эй гунаҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон». Дастҳо* дар бораи амалҳои мо, *дилҳо* бошанд дар бораи орзуҳо ва хоҳишҳои мо шаҳодат медиҳанд. Мо гуноҳҳоро эътироф карда, ошкоро ва пинҳонӣ гуноҳ карданро рад карда, *дастон* ва *дили* худро *пок мекунем.* Мо, ки *гунаҳкор* ҳастем, бояд корҳои бади худро эътироф намоем; мо, ки дудила ҳастем, бояд майлҳои ихтилофноки худро эътироф кунем.

**4,9** Иқрор шудан бояд ҳамроҳ бо андӯҳи амиқ барои гуноҳ бошад. *Андӯҳгин шуда, гиря ва нола кунед: бигзор хандаи шумо ба гиря ва шодии шумо ба ғусса мубаддал шавад.* Ҳангоме ки Худо ба мо ташриф оварда, гуноҳҳои моро сарзаниш менамояд, барои сабукфикрӣ вақт нест. Аниқтараш ин вақтест барои назди Ӯ ба рӯй ғалтидан ва аз сабаби гуноҳкорӣ, нотавонӣ, дилсардӣ ва бесамариамон *гиря кардан.* Мо аз манфиатпарастӣ, дӯстӣ бо дунё ва расмиятпарастиамон бояд андӯҳгин шавем ва гиря кунем. Ҳам аз дарун ва ҳам аз берун мо бояд самари табваи тақводоронаро нишон диҳем.

**4,10** Ниҳоят мо бояд *дар ҳузури Худованд фурӯтан бошем.* Агар мо содиқона ҷои худро дар хоки пеши пои Ӯ ишғол намоем, Ӯ моро дар вақти муайян *сарфароз* мегардонад.

Ҳангоме ки Худованд ба мо худамонро нишон медиҳад, мо бояд чунин эътино кунем. Вале, аксаран, ин ба амал намеояд.

Баъзан, масалан, ҳангоме ки дар ҷамъомад мебошем, Худо ба дили мо муроҷиат мекунад. Муддати кӯтоҳе мо ба ҳаяҷон омадаем ва

бо ниятҳои нек саршор шудаем. Вале вақте ки ҷамъомад ба охир мерасад, одамон гарму ҷӯшон ва бепарвоёна суҳбат мекунанд. Тамоми таъсири хизматгузории рӯҳонӣ барҳам хӯрд, қувва нест шуд, ва Рӯҳи Худо хомӯш карда шуд.

**4,11-12** Гуноҳи дигар, ки дар бораи он Яъқуб мегӯяд, ҳукм кардан ё зидди *бародар бадгӯӣ* кардан аст. Касе се савол пешниҳод намудааст, ки мо бояд пеш аз танқид кардани дигарон ба он ҷавоб диҳем: Танқид ба бародари ту чӣ манфиат меорад? Он ба ту чӣ манфиат меоварад? Худо ба василаи ин чӣ гуна ҷалол меёбад?

*Шариати* шоҳонаи муҳаббат мегӯяд, ки мо бояд наздикони худро мисли худамон дӯст дорем. Бинобар ин дар ҳаққи бародар *бадгӯӣ кардан* ё ниятҳои ӯро маҳкум кардан монанди он аст, ки зидди ин *шариат* баромад кунем ва онро чун ба ҳеҷ чиз намеарзида маҳкум кунем. Дидаву дониста вайрон кардани шариат – ҳурмат накардан ва бад дидани он аст. Ин ба изҳороте баробар аст, ки шариат бад аст ва сазовори итоат кардан нест. «Итоат карданро рад мекарда аслан мегӯяд, ки шариат, шояд ғайриқонунӣ аст». Чунин рафтор *бародари бадгӯикунандаро* на ба ҳолати оне ки бояд маҳкум мешуд, балки ба ҳолати аҷиби *довар* мегузорад. Ӯ ба шариат итоат намекунад, балки худро аз он болотар мегузорад. Вале танҳо Худо аз шариат болотар аст; Ӯ Онест, ки шариатро дод ва Онест, ки дар асоси шариат ҳукм мекунад. *Кист,* ки ба ҷои Худо дастдарозӣ мекунад ва *дигареро*[10] *ҳукм мекунад?*

**4,13** Гуноҳи дигаре ки Яъқуб онро сарзаниш мекунад, боварӣ ба худ, кашидани нақшаи пурлофу газофест, ки ба Худо робитае надорад (о. 13-16). Вай корчаллонеро тасвир кардааст, ки нақшаи мукаммали амалҳоро барои оянда кор карда баромадааст. Ба ҷузъиёт диққат диҳед. Ӯ вақтро *(имрӯз ё фардо);* ҳайатро (мо); маконро *(фалон шаҳр);* давомнокиро (як *солро мегузаронем);* фаъолиятро *(бо тиҷорат машғул шуда);* натиҷаи дар назар доштаро *(фоида мекунем)* фикр карда баромадааст. Дар ин манзара чӣ намерасад? Вай ягон бор ҳам Худоро ба ёд намеорад. Дар зиндагӣ зарурати сохтани нақша барои оянда ба вуҷуд меояд, вале инро бо иродаи худ кардан гуноҳ аст. «Мо мекунем» ё «ман мекунам» гуфтан асоси гуноҳ аст. Масалан, ба «ман мекунам»- и бешумори Лусифер дар Ишаъё 14,13.14 диққат диҳед: «Ва ҳол он ки ту дар дили худ мегуфтӣ: Ман ба осмон боло баромада, курсии худро болотар аз ситорагони Худо мегузорам ва бар кӯҳи анҷумани худоён, дар ақсои шимол менишинам; бар баландиҳои абрҳо боло баромада, монанди Ҳаққи Таоло мешавам».

**4,14** Чунон нақша кашидан, ки гӯё ин *фардо* албатта фаро мерасад, нодуруст аст. «Нагӯй ... фардо ...» (Мас. 3,28). Мо намедонем, ки фардо бо худ чӣ меорад. Ҳаёти мо чун абри дуд нозук ва пешгӯинашаванда аст.

**4,15** Ҳамаи нақшаҳои худро бо ризоияти Худо кашидан лозим аст ва онҳо ба хости Ӯ бояд мувофиқат кунанд. Дар ҳукми Ӯ будани тақдирамонро дарк намуда, зистан ва сухан ронданамон зарур аст. Мо бояд гӯем: *«Агар Худо хоҳад ва зинда бошем, ин ё онро мекунем».* Ҳамин тавр, дар Аъмол 18,21 расул Павлус мегӯяд: «... баъд аз он, Худо хоҳад, боз назди шумо бармегардам». Дар 1Қуринтиён 4,19 ӯ навиштааст: «Аммо ба қарибӣ, агар Худованд хоҳад, назди шумо меоям ...». Баъзан масеҳиён ҳарфҳои «D. V.»-ро истифода мебаранд, ки ҳамин маънои вобастагӣ ба Худоро ифода мекунанд. Ин ҳарфҳои аввали ду калимаи лотинии «Deo volente», ки «агар Худо хоҳад»-ро ифода мекунанд.

**4,16** *Шумо, ба сабаби ҳавобаландии худ, лоф мезанед,* – менависад Яъқуб. Масеҳиён бо нақшаҳои пурлофу газофи худ барои оянда фахр мекарданд. Онҳо дар боварии худ мағрур буданд, ки ҳеҷ чиз барои ба амал омадани нақшаҳои онҳо халал намерасонад. Онҳо чунон амал мекарданд, ки гӯё худашон тақдирашонро идора мекунанд. *Ҳар лофи монанди ин бад аст,* зеро дар он барои Худо ҷой нест.

**4,17** *Пас, касе ки медонад, чӣ некӣ бояд кард ва намекунад, – ба вай гуноҳ аст.* Дар ин қаринаи матн *некӣ кардан* – ҳар як лаҳзаи зиндагӣ ба Худо умед бастан ва ҳар дақиқа дар вобастагӣ аз Ӯ зистан аст. Агар мо донем, ки бояд чунин рафтор кунем, аммо ин тавр накунем, пас, мо аниқ гуноҳ мекунем. Албатта, ин принсип мавриди истифодаи васеътареро дорад. Дар ҳар соҳаи зиндагӣ имконияти *некӣ кардан* моро барои иҷроиши он ҷавобгар менамояд. Агар мо донем, ки дуруст аст, бояд мувофиқи фаҳмидагиамон зиндагӣ кунем. Агар мо ин корро *накунем,* яъне ба муқобили Худо,

ба муқобили наздикон ва ба муқобили худамон *гунох мекунем.*

Дар боби 4 Яъқуб муносибати моро ба ҳарисӣ ва душманӣ, бадгӯӣ ва нақшагирӣ бе маслиҳат бо Худованд месанҷад. Бинобар ин биёед ба худ саволҳои зеринро диҳем: оё ман барои зиёдтар ба даст овардан мекӯшам ё бо он чи дорам, қаноат мекунам? Оё ман ба онҳое ки зиёдтар аз ман доранд, ҳасад мебарам? Оё ман пеш аз он ки чизе харам, дуо мегӯям? Ҳангоме ки Худо бо ман гап мезанад, ман итоат мекунам ё муқобилат мекунам? Оё ман бародарони худро танқид мекунам? Оё ман бе маслиҳат бо Худованд ягон чизро ба нақша мегирам?

## IX. САРВАТМАНДОН ВА ПУШАЙМОНИИ ОЯНДАИ ОНҲО (5,1-6)

Яъқуб яке аз порчаҳои барои виҷдони мо таъсирбахштарини номаи худро бо фош кардани гуноҳи сарватмандон сар мекунад. Суханон ба монанди зарбаи болға сахт ва бераҳмона фурӯ меғалтанд. Ва дар ҳақиқат, айбнома ба андозае пурқувват аст, ки ин оятҳо дар мавъизаҳо кам садо медиҳанд.

Яъқуб дар ин ҷо дар нақши тарғибгари адолати иҷтимоӣ баромад мекунад. Ӯ аз он ба ғазаб меояд, ки сарватмандон пулҳояшонро барои сабук кардани эҳтиёҷи одамон ба кор бурдан намехоҳанд. Ӯ онҳоеро, ки коргарони худро истисмор карда бой шудаанд, сарзаниш мекунад. Ӯ онҳоро дар истифодаи сарват барои тағофул ба ҳавою ҳавасҳои худ ва зиндагии пурҳашамат сарзаниш мекунад. Ниҳоят, ӯ сарватмандонро чун истисморгарони мағрури тақводорон тасвир мекунад.

**5,1** Дар аввал ӯ *сарватмандонро* даъват мекунад, то барои *балоҳое* ки бояд аз сар гузаронанд, *гиря ва нола кунанд.* Ба зудӣ онҳо дар назди Худо ҳозир мешаванд ва он гоҳ шарм мекунанд ва пушаймон мешаванд. Онҳо мебинанд, ки маъмури бад будаанд. Онҳо оид ба имкониятҳои аз даст рафта андӯҳгин мешаванд. Онҳо ба хасисӣ ва худбинии худ афсӯс мехӯранд. Онҳо барои дасисаҳои бевиҷдононаи худ таъна мешунаванд. Онҳо мефаҳманд, ки бехатариро на дар Худованд, балки дар чизҳои моддӣ ҷустан чӣ хел гуноҳ аст. Ва онҳо аз сабаби бо роҳи тағофул ба ҳавою ҳаваси худ рафтанашон бо алам афсӯс мехӯранд. Яъқуб чор гуноҳи асосии ба сарватмандон хосро ёдрас мекунад. Гуноҳи якум ҷамъ кардани сарват аст.

**5,2** Ҷ. Б. Филипс ин порчаро чунин баён мекунад: «Чизҳои аз ҳама қиматбаҳои шумо пӯсидаанд ва захираи либосҳоро куя хӯрдааст. Тилло ва нуқраҳоятон беҷило шудаанд. Бале, тирагии онҳо зидди гуноҳҳои ғуншудаи шумо шаҳодат хоҳад дод ва шумо аз онҳо худро якбора дур мекашед, гӯё онҳо суп-сурх тафсонда шудаанд».

Китоби Муқаддас дар ҳеҷ ҷой намегӯяд, ки сарватманд будан гуноҳ аст. Шахс, масалан, метавонад ногоҳ моликиятеро мерос гирад ва табиист, ки бой шудани ӯ гуноҳ нест. Вале Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки сарват ҷамъ кардан гуноҳ аст. Худованд Исо кушоду равшан молпарастиро манъ кард. Ӯ гуфтааст: «Дар рӯи замин барои худ ганҷҳо ғун накунед, ки дар ин ҷо онҳоро куя ва занг мезанад ва дуздон нақб канда медузданд; балки барои худ ганҷҳо дар осмон ғун кунед, ки дар он ҷо куя ва занг намезанад ва дуздон нақб намекананд ва намедузданд; зеро ҳар ҷо ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд» (Мат. 6,19-21).

Яъқуб дар бораи чор намуди сарват мегӯяд: *сарват, либосҳо,* тилло ва нуқра. Дар замонҳои Навиштаи Муқаддас зери маънои сарват асосан ғалладона, равған ва дигар молҳоро дар назар доштанд: либосҳо, тилло ва нуқра. Шояд ҳангоме ки Яъқуб мегӯяд: *«Сарвати шумо пӯсидааст,»* – ӯ онро дар назар дорад, ки ғалладонаро кирмҳо хӯрданд ва равған талх шудааст. Гап дар он аст, ки ин махсулот то замони вайрон шуданашон нигоҳ дошта шудаанд. Дар вақташ онҳоро барои сер кардани гуруснагон истифода бурдан мумкин буд; акнун бошад, онҳо ба ҳеҷ чиз намеарзанд. *«Либоси шуморо куя задааст,»* – давом медиҳад ӯ. Бо либосе ки ҳамеша мепӯшанд, чунин ҳодиса рӯй намедиҳад. Вале ҳангоме ки ҷевонҳо то андозае бо либос пур карда шудаанд, ки онҳоро хеле дер-дер мепӯшанд, онҳоро куя мезанад. Яъқуб ба ин тариқ ғун кардани либосро дар он вақте ки одамони зиёде дар тамоми дунё дар бенавоии сахт мебошанд, ҷинояти ахлоқӣ мешуморад.

**5,3** *Тилло ва нуқраи шумо занг задааст ва занги онҳо исботе ба муқобили шумо гардида, монанди оташ ҷисми шуморо мехӯрад,* давом

медиҳад ӯ. *Тилло ва нуқра* занг намезанад, вале тира мешавад ва рангаш тағйир меёбад, ва дар шароити номусоиди нигоҳдорӣ шояд ба таъсири зангзанӣ дучор шавад. Ба ҷои он ки пули худро ба кор андозад, гуруснагонро сер кунад, мухтоҷонро пӯшонад, беморонро бо дору таъмин кунад ва Хушхабарро паҳн кунад, сарватманд пулҳои худро барои «рӯзи мабодо» эҳтиёт мекард. Онҳо ба ҳеҷ кас фоида наоварданд ва ниҳоят пӯсиданд.

*Занг,* ки далели истифода набурдан ва фано шудан аст, далели маҳкумкунии сарватмандон мешавад. Агар ин дар рӯзҳои Яъқуб барои сарватмандон ҳақиқат буд, дар рӯзҳои мо барои масеҳиён то чӣ андоза ҳақиқат аст! Агар воситаи паҳн кардани Хушхабарро дошта бошем ва аз он истифода бурдан нахоҳем, ба маҳкумияти сахт дучор мешавем! Агар сарватҳои моддӣ ғун кунем, пас, онҳоро барои наҷоти ҷонҳо истифода бурда метавонистем! Ифодаи *«занги онҳо ... ҷисми шуморо чун оташ мехӯрад»* онро ифода мекунад, ки ба фоидаи дигарон истифода набурдани сарват ба сарватмандон азобу уқубат ва пушаймониҳои зиёде меоварад. Ҳангоме ки чашмони онҳо ниҳоят кушода мешаванд ва онҳо ҳама дағалии худбинӣ ва хасисии худро мебинанд, сарват (зару зевари қиматбаҳо, либоси хуб, хонаҳои боҳашамат, мошинҳои гаронбахо) онҳоро чун оташ хоҳад сӯзонд.

**5,4** Гуноҳи дуюм, ки Яъқуб фош мекунад – ба даст овардани сарват аз ҳисоби кам додани музди кор аст. *Коргароне* ки саҳроҳоро *даравидаанд,* аз музди қонунии худ маҳрум карда шудаанд. Ҳарчанд коргарон эътироз мекарданд, онҳо барои ноил шудан ба ҷуброн хеле оҷиз буданд. Онҳо дар замин касе надоштанд, ки тарафи онҳоро гирад. Вале *фарёди* онҳоро *Худованди лашкарҳо* шунид. Ӯ чун роҳбари лашкари осмонӣ қудрат дорад барои ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшудаи халқи одӣ барояд. Худованд Худои Тавоно онҳоро тарафдорӣ мекунад ва интиқоми онҳоро мегирад. Ба ҳамин тариқ, Навиштаи Муқаддас на танҳо молпарастиро, балки бо роҳи бевиҷдонона ба даст овардани сарватро низ маҳкум мекунад. Яъқуб, илова бар гуноҳи ғайриқонунӣ боздоштани музди меҳнат, метавонист сохтакории пардохти андоз аз даромад, аз тарозу задан ва кам чен кардан, пора додан ба нозирони маҳаллӣ ё дигар шахсони вазифадор, эълонҳои бардурӯғ ва ҳисобҳои хароҷоти қалбакиро ёдрас намояд.

**5,5** Сипас Яъқуб ҳаёти исрофкоронаи сарватмандонро маҳкум мекунад. Зебу зинати қиматбаҳо, либосҳои фохир, хӯрокҳои нозук ва хонаҳои боҳашамат – онҳо сарвати худро чӣ тавр метавонистанд ба худ сарф кунанд, вақте ки одамони бешуморе дар муҳтоҷии тоқатнопазир мебошанд? Ё аз рӯзҳои мо мисол мегирем. Сарватмандӣ ва исрофкории калисо ва масеҳиёнро чӣ гуна сафед кардан мумкин аст? Мо дар дунёе зиндагонӣ мекунем, ки ҳар рӯз ҳазорон одамон аз гуруснагӣ мемиранд. Зиёда аз нисфи аҳолии кураи замин ҳеҷ гоҳ дар бораи Худованд Исои Масеҳ нашунидааст. Дар чунин дунё мо автомобилҳои спортӣ, лимузинҳо, киштиҳои тезгарди худро чӣ хел сафед карда метавонем? Мо пулҳои Худовандро ба меҳмонхонаҳои қимат, ресторанҳои якуминдараҷа, ба шаклҳои гуногуни тағофули хоҳишҳои худ чӣ тавр сарф карда метавонем? Таълимоти аниқи Навиштаи Муқаддас, эҳтиёҷоти дилхароши ҷаҳон, намунаи Наҷотдиҳанда ва ҳисси одии ҳамдардӣ ба мо далолат мекунанд, ки то замоне ки ақаллан як каси Хушхабарро нашунида ҳаст, боҳашамат ва осуда, дар ҳаловат зистан норавост.

Онҳое ки дар *айшу нӯш* зиндагонӣ мекунанд, ба онҳое монанд карда шудаанд, ки *дилҳои* худро *гӯё ки барои рӯзи куштан фарбеҳ* кардаанд, чун ҳайвонҳое ки махсус пеш аз қурбонӣ кардан бӯрдоқӣ карда шудаанд ё чун аскарони ба дуздӣ машғул, дар ҳоле ки дигарон дар атрофи онҳо мемиранд.

**5,6** Айбномаи охирин бар зидди сарватмандон: онҳо *росткорро маҳкум намуда куштанд* ва *ӯ* ба онҳо *муқобилат намекард.* Баъзеҳо мепиндоранд, ки ин *росткор* Худованд Исо аст. Вале ба марги Ӯ на одамони сарватманд, балки ходимони дин гунаҳгоранд. Шояд дурусттар мебуд, дар бораи *росткор* чун намояндаи ҳамаи одамони бегуноҳ фикр кунем. Яъқуб оид ба муносибати дағалона ва омиронаи хоси сарватмандон ба зердастони худ фикр мекунад. Сарватмандон онҳоро бо айбномаи бардурӯғ бо нутқи тезу тунди худ ва таҳдидҳо *маҳкум намуданд.* Шояд онҳо на ба маънои аслӣ куштанд, балки аз ҳад зиёд ба кор кардан маҷбур намуданд ва барои кор музди кам доданд. Бегуноҳон ҳеҷ гуна муқобилат нишон намедоданд. Муқобилат барои онҳо бо

таҳқири зиёдтаре ё аз кор холӣ шудан ба охир расиданаш мумкин буд.

## X. ДАЪВАТ БА ПУРСАБРӢ (5,7-12)

**5,7** Акнун Яъқуб ба масеҳиёне муроҷиат мекунад, ки таҳти зулму ситам мебошанд, ва онҳоро ба *пурсабрӣ* даъват менамояд. Асос барои пурсабрӣ – *омадани Худованд* аст. Он метавонад ё ба осмон баромадан ё омадани Масеҳро барои подшоҳӣ кардан ифода кунад. Ҳар дуяш дар Инҷил чун сабаби водоркунанда ба пурсабрӣ истифода мешавад.

*Зироаткор* талабот ба сабрро нишон медиҳад. Ӯ худи ҳамон рӯзи кориданаш намедаравад. Ба ӯ давраи дуру дарози интизорӣ лозим аст. Аввал бояд *борони аввалин* борад, ки ба сабзиши дона ёрӣ медиҳад. Баъд дар охири мавсим – *борони охирин,* ки барои ҳосили хуб зарур аст. Баъзеҳо дар ин ишора ба *борони аввалин ва охирин* ваъдаи пеш аз баргаштани Худованд такрор шудани баракатҳои Пантикостро мебинанд, ки дар ибтидои масеҳият ба Калисо фурӯ рехтанд, вале маънои умумии Инҷил, аз афташ, ин умедро тасдиқ намекунад. Вале ҳеҷ чиз ба мо манъ карда наметавонад, ки бақияи амини масеҳиёнеро интизор шавем, ки дар хизмат ба Худо ҷидду ҷаҳд дошта, ба мавъизаи Хушхабар ба ҷаҳон бахшида шудаанд. Оё роҳи аз ин беҳтари муборакбоди баргаштани Наҷотдиҳанда ҳаст?

**5,8** Ҳангоме ки Худованд бармегардад, бадии заминӣ ба некӣ табдил меёбад. Бинобар ин халқи Ӯ бояд чун кишоварз *сабр кунад. Дилҳои* фарзандони Худо бояд бо боварӣ ба *омадани* Ӯ қавӣ гарданд.

**5,9** Дар давраи таъқибот ва мусибатҳо қурбониён набояд бо ҳам мухолифат кунанд. Дар рӯзҳои санҷиш хусусияти аҷиби табиати инсон ба назар мерасад: хашму ғазаби мо зидди онҳое ҷӯш мезанад, ки аз ҳама зиёдтар дӯсташон медорем. Бинобар ин Яъқуб пешакӣ меогоҳонад: *«Эй бародарон, аз якдигар шиква накунед, то доварӣ карда нашавед»*.[11] Ин оят хизматгорони Худовандро даъват менамояд, ки дар шароитҳои вазнин якҷоя меҳнат кунанд. Ба хашму ғазаб набояд имкон диҳем, ки моро фаро гирад. Охир, *Довар* аллакай *назди дар истодааст!* Ӯ фикри моро медонад. Ба зудӣ мо ба доварии Масеҳ барои додани ҳисобот ҳозир хоҳем шуд. Мо набояд маҳкум кунем, то ки худ маҳкум нашавем.

**5,10** Ҳамчун намунаи *азоб ва пурсабрӣ пайғамбарони* Аҳди Қадим оварда шудаанд. Диққат диҳед, ки *азоб* пеш аз *пурсабрӣ* омадааст. «Мусибат сабрро ба вуҷуд меоварад» (Рум. 5,3). Чунон ки дар боло баён шуда буд, сабр дар Аҳди Нав қуввати рӯҳӣ ё матонатро ифода мекунад. Барои садоқат дар эълони Каломи Худо пайғамбаронро бераҳмона таъқиб мекарданд. Вале онҳо, «мисли он ки Нонамоёнро дида бошанд, боматонат буданд» (Ибр. 11,27.32-40).

**5,11** Мо ба Ишаъё, Ирмиё ва Дониёл барин пайғамбарон бо эҳтироми зиёд менигарем. Мо онҳоро барои зиндагии пурҷидду ҷаҳд ва пурсадоқат иззату эҳтиром мекунем. Ба ин маъно мо онҳоро *хушбахт мешуморем.* Мо ба он розӣ мешавем, ки онҳо ҳақ буданд ва ҷаҳон ҳақ нест. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки онҳо аз санҷишҳои бузург ва азобҳо гузаштанд ва онҳоро бо сабр паси сар карданд. Агар мо хоҳем, ки моро хушбахт шуморанд, оқилона мебуд хулоса барорем, ки мо низ бояд худи ҳамин корро кунем.

*Айюб* намунаи хеле аҷиби *сабр* ё қувваи рӯҳист. Андак касон, агар ҳамин хелҳо дар таърихи ҷаҳон буданд, чун *Айюб* дар муддати хеле кӯтоҳ чунон талафоти зиёдеро аз сар гузарондаанд. Ва ба ҳар ҳол ӯ ҳеҷ гоҳ Худоро лаънат нагуфтааст ва аз Ӯ даст накашидааст. Дар охир сабри ӯ мукофотонида шуд. Худо Худро зоҳир кард, зеро Ӯ ҳамеша *дилсӯз ва раҳмдил аст.*

Агар мо намедонистем, ки Яъқуб чиро *анҷоми кори Худованд* меномад (хулосаи охирин ё натиҷае ки *Худованд* мебарорад), шояд ба гунаҳкорон ҳасад мебурдем. Ософ ба осудагии гунаҳкорон ҳасад бурд (Заб. 72,3-17). Ӯ дар ин бора ҳар қадар зиёд фикр кунад, ҳамон қадар бештар заҳмат мекашид. Он гоҳ ӯ ба қудси Худо даромад ва оқибати гунаҳкоронро фаҳмид. Ҳамаи ҳасади ӯ барҳам хӯрд. Довуд худи ҳаминро аз сар гузаронд. Дар Забур 16,15 ӯ қисмати имондоронро дар зиндагии оянда тасвир менамояд. Ба подоши минбаъда назар карда, имондор устувор мегардад. Дар мавриди Айюб *анҷоми кори Худованд* чунин буд: Худо ба ӯ дучандон зиёдтар аз он чи ки пеш дошт, дод (Айюб 42,10-15).

**5,12** Бесабрӣ дар замони санҷиш ҳамчунин дар савгандҳо ошкор мешавад. Дар ин ҷо пеш аз ҳама на дар бораи куфр ё лаънат гуфтан сухан меравад. Ва на дар бораи дар маҳкама савганд хӯрдан. Дар ин ҷо номи Худованд ё дигар номро барои тасдиқи ҳаққонияти суханон сабукфикрона истифода бурдан манъ карда мешавад. Масеҳӣ *набояд* бо касе ё чизе *қасам хӯрад:* на бо *осмон,* на бо *замин.* Касоне ки Ӯро мешиносанд, бояд боварӣ дошта бошанд, ки «бале»-и ӯ «бале»- ро ва «не»-и ӯ «не»-ро ифода мекунад.

Дар асоси ин оят ҳамчунин нораво будани ифодаҳои беҳудаи зеринро зикр кардан мумкин аст: «аз барои ҳамаи муқаддасот», «Худо ба ман довар», «чун Худо пок», ва бо чунин қасамҳои дағал, ба монанди «Худо маро занад», «Худо маро пора кунад» ва «ба Худо».

*То ба маҳкумият*[12] *дучор нашавед,* мегӯяд Яъқуб, шояд оид ба фармудаи сеюм фикр карда: «Номи Худованд Худои худро беҳуда ба забон нагир; зеро ки Худованд касеро, ки номи Ӯро беҳуда ба забон мегирад, беҷазо намегузорад» (Хур. 20,7).

## XI. ДУО ВА ШИФО ЁФТАНИ БЕМОР (5,13-20)

Мавзуи оятҳои охирини нома дуо гуфтан аст. Ин калима дар шакли исм ё феъл дар ин ҷо ҳафт маротиба вомехӯрад.

**5,13** Дар ҳама гуна вазъиятҳои зиндагӣ мо бояд бо дуо назди Худованд оем. Дар давраҳои азобу уқубат мо бояд ба Ӯ бо дуоҳои гарму ҷӯшон наздик шавем. Дар замони хурсандӣ мо бояд ҳамду санои самимонаи худро ба Ӯ расонем. Ӯ мехоҳад дар ҳамаи тағйиротҳои кайфият дар зиндагии мо иштирок намояд.

Мо бояд сабаби ибтидоии ҳамаи он чиро, ки дар зиндагиамон рӯй медиҳад, дар Худо бинем. Мо набояд ба таъсири он чизе афтем, ки ба қавли Рузерфорд «гардиши бертартибонаи чархи сабабҳои дуюмдараҷа» аст. Ба қурбони вазъият шудани худ имкон додан, ё ба тағйир ёфтани вазъият интизор шудан мағлубшавист. Мо дар ҳама чиз бояд танҳо дастони Ӯро бинем ва дигар ҳеҷ чиз.

Ин яке аз қисмҳои бахсноктарини нома ва, шояд, ҳамаи Инҷил аст. Он моро бо мушкилоти шифоёбӣ дар зиндагии масеҳии ҳозира рӯ ба рӯ мегузорад.

Пеш аз он ки дар оятҳо муфассалтар истода гузарем, таълимоти Навиштаи Муқаддасро оид ба бемориҳо ва шифоёбӣ аз назар гузарондан фоидаовар мешавад.

---

### ШИФОЁБӢ АЗ ХУДО

1. Масеҳиён эътироф мекунанд, ки ҳама гуна беморӣ асосан натиҷаи мавҷудияти гуноҳ дар ҷаҳон аст. Агар гуноҳ намебуд, ҳеҷ гуна беморӣ намебуд.
2. Баъзан беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳ дар ҳаёти одам аст. Дар 1Қуринтиён 11,30 мо оид ба қуринтиёне мехонем, ки аз гуноҳи дар ҳаёташон ҷойдошта тавба накарда, яъне эътироф накарда ва онро тарк накарда, дар Шоми Худованд иштирок намуданд ва бинобар ин бемор шуданд.
3. На ҳар гуна беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳ дар ҳаёти одам аст. Айюб бемор шуд, ҳарчанд ӯ одами аз ҳама тақводор буд (Айюб 1,8). Кӯри модарзод ҳеҷ гуна гуноҳ накарда буд (Юҳ. 9,2.3). Бемории Эпафрудитус натиҷаи хизмати пайваста дар арсаи Худованд буд (Фил. 2,30). Ғоюс рӯҳан сиҳат, вале ҷисман бемор буд (3Юҳ. 2).
4. Баъзан беморӣ натиҷаи фаъолияти шайтон аст. Маҳз шайтон ҷисми Айюбро ба махави сахт гирифтор кард (Айюб 2,7). Маҳз шайтон ба зане ки дар бораш Луқо (Луқ. 13,10-17) нақл мекунад, осеб расонида, ӯро чунон чангак кард, ки ӯ қоматашро рост карда наметавонист: «Ва ин духтарро ... шайтон хаждаҳ сол боз баста буд» (Луқ. 13,16). Павлус бемории ҷисмонӣ дошт, ки шайтон ба амал оварда буд. Ӯ онро неше дар ҷисм меномид, ки шайтон дода буд, то ки ӯро азоб диҳад (2Қур. 12,7).
5. Худо шифо дода метавонад ва инро мекунад. Ба маънои аслӣ ҳар гуна шифоёбӣ аз Худо бармеояд. Яке аз номҳои Худо дар Аҳди Қадим Яҳува-Рофека аст, яъне «Худованди шифобахши ту» (Хур. 15,26). Мо дар ҳар ҳодисаи шифоёбӣ ҳузури Худоро бояд эътироф намоем.

Аз Китоби Муқаддас мефаҳмем, ки Худо барои шифобахшӣ воситаҳои гуногунро истифода мебарад. Баъзан Ӯ ба воситаи равандҳои табиии ҷисмонӣ шифо мебахшад. Ӯ ба ҷисми одам қувваи бузурги шифоёбӣ ато кардааст. Духтурон медонанд, ки аксари бемориҳо пагоҳӣ ба табобат моил мешаванд. Баъзан Худо ба воситаи доруҳо шифо мебахшад. Масалан, Павлус ба Тимотиюс маслиҳат медод: «Барои меъдаат ва нотобиҳои зиёде ки дорӣ, каме шароб ба кор бар» (1Тим. 5,23). Баъзан Ӯ ба воситаи «раҳоӣ ёфтан аз тарси ноаён, ҳисси ранҷиш, худмушавваши ва ҳисси гуноҳ, ки ҳар кадомаш беморӣ оварда метавонад, шифо мебахшад». Баъзан Ӯ ба воситаи духтурҳо ва ҷарроҳон шифо мебахшад. Исо кушоду равшан таълим медод, ки одамони бемор ба духтурон эҳтиёҷ доранд (Мат. 9,12). Павлус оид ба Луқо ҳамчун оид ба «табиби дӯстдошта» сухан меронд (Кул. 4,14) ва табиист, ки дар байни масеҳиён эҳтиёҷи ба табибон бударо эътироф мекард – Худо табибонро дар хизмати шифобахшӣ истифода мебарад. Чунон ки ҷарроҳи машҳури франсавӣ А. Паре гуфтааст: «Ҷарроҳ захмро ҷароҳатбандӣ мекунад, Худо онро дармон мебахшад».

6. Вале Худо ба тарзи муъҷизанок ҳам шифо мебахшад. Инҷилҳо мисолҳои зиёдеро оид ба ин дар бар мегиранд. Нодуруст мебуд гӯем, ки Худо асосан танҳо ҳамин хел шифо мебахшад, ва он изҳорот низ нодуруст аст, ки Ӯ ин корро умуман ҳеҷ гоҳ намекунад. Дар Навиштаи Муқаддас ҳеҷ чизе нест, ки боварии моро ба шифои муъҷизаноки илоҳӣ дар замони ҳозира ба шубҳа андозад.

7. Ба ҳар ҳол мо бояд фаҳмем, ки на ҳамеша ба шифоёбӣ хости Худо ҳаст. Павлус Трофимуси беморро дар Милитус вогузошт (2Тим. 4,20). Худованд Павлусро аз неше ки дар ҷисмаш буд, халос накард (2Қур. 12,7-10). Агар хости Худо ба шифо ҳамеша мебуд, пас баъзе одамон ҳеҷ гоҳ пир намешуданд ва намемурданд!

8. Худо ваъда надодааст, ки дар ҳар кадом ҳолат шифо мебахшад, бинобар ин мо наметавонем аз Ӯ шифо талаб кунем. Дар Филиппиён 2,27 оид ба шифо чун оид ба «марҳамат» гуфта мешавад, на ин ки дар бораи чизе ки мо ҳақ дорем талаб намоем.

9. Ба маънои умумӣ дуруст он аст, ки шифо дар асоси кафорат гузошта шудааст, вале ба ҳар ҳол на ҳама баракатҳои дар кафорат буда ҳозир ба мо дода шудаанд. Масалан, ба кори Масеҳ наҷоти бадани мо дохил карда шудааст, вале мо онро то даме ки Масеҳ барои муқаддасони Худ наояд, ба даст намеоварем (Рум. 8,23). Ана ҳамон вақт мо пурра ва қатъиян аз ҳамаи бемориҳо халос мешавем.

10. Агар мо аз беморӣ шифо ёфта натавонем, пас ин онро ифода намекунад, ки имони мо кам аст, ё нест. Агар ин ҳамин хел бошад, пас тахмин кардан мумкин аст, ки касе бениҳоят дуру дароз зиста метавонад; вале ҳеҷ кас инро наметавонад. Павлус, Трофимус ва Ғоюс шифо наёфтанд, аммо ба ҳар ҳол имони онҳо болиғ ва амалӣ буд.

---

**5,14-15** Ба боби 5-уми Номаи Яъқуб баргашта мо мебинем, ки чӣ гуна ин ҷой ба тамоми таълимоти Навиштаи Муқаддас дар бораи шифо мувофиқат мекунад:

*Оё касе аз шумо бемор аст? Бигзор пирони калисоро назди худ даъват намояд ва онҳо ӯро ба номи Худованд равған молида, дар ҳаққи ӯ дуо гӯянд. Ва дуои имон беморро шифо медиҳад, ва Худованд ӯро ба по мехезонад; ва агар ӯ гуноҳ карда бошад, бахшида мешавад.*

Агар дар Навиштаи Муқаддас фақат ҳамин оятҳо ба шифоёбӣ дахлдор мебуданд, мо гумон мекардем, ки талаботҳои дар ин ҷо номбаршударо иҷро карда, масеҳӣ метавонад дилпур бошад, ки аз ҳама гуна беморӣ шифо меёбад. Вале дар асоси порчаҳои дигари Навиштаи Муқаддас мо гуфта метавонем, ки на ҳама вақт ба шифоёбӣ хости Худо ҳаст. Бинобар ин мо маҷбурем хулоса барорем, ки Яъқуб на оид ба *ҳамаи* бемориҳо, балки танҳо оид ба баъзеашон сухан меронад, яъне оид ба бемориҳое ки дар натиҷаи шароитҳои муайян гирифтори онҳо шудаем. Калид барои фаҳмидани маънии ин оятҳо дар суханҳои зерин дода шудааст: *«Ва агар ӯ гуноҳ карда бошад, бахшида мешавад»*. Шифоёбӣ дар

ин ҳолат бо бахшида шудани *гуноҳ* вобаста аст.

Дар ин ҷо шахсе тасвир шудааст, ки гуноҳе кард ва шояд бо ин кор ба шаҳодати калисои маҳаллӣ зарар расонд. Муддати кӯтоҳе нагузашта ӯ бемор шуд. Ӯ дарк мекунад, ки ин беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳи ӯст. Худо ӯро ҷазо дод, то имкон диҳад, ки ба мушоракат бо Ӯ баргардад. Одам аз гуноҳи худ пушаймон мешавад ва онро дар назди Худо эътироф мекунад. Вале азбаски гуноҳи ӯ ба шаҳодати ҷамоат дар пеши мардум таъсир кард, ӯ *пиронро* даъват менамояд ва ба онҳо низ кори кардаашро эътироф мекунад. Онҳо *ӯро ба номи Худованд равған молида, дар ҳаққи ӯ дуо мегӯянд*. Чунин *дуои имон* беморро *наҷот медиҳад ва Худованд ӯро ба по мехезонад*. Худованд бо ин ба мо ваъдаи муайян медиҳад: дар он ҷое ки беморӣ натиҷаи бевоситаи гуноҳ аст ва дар он ҷое ки ба гуноҳ иқрор мешаванд ва онро тарк мекунанд, чунон ки дар ин ҷо тасвир шудааст, Худованд шифо мебахшад.

Касе эътироз карда метавонад: «Шумо аз куҷо медонед, ки шахс гуноҳ кардааст ва дар ин маврид ӯ пушаймон шуда ба гуноҳаш иқрор шудааст?» Ҷавоб дар қисми хотимавии ояти 15 аст. Дар он ҷо гуфта шудааст, ки ӯ *бахшида мешавад*. Вале мо медонем, ки гуноҳҳо танҳо дар натиҷаи иқрор шудан бахшида мешаванд (1Юҳ. 1,9).

Касе аз нав эътироз карданаш мумкин аст: «Дар ин ҷо гуфта намешавад, ки ӯ гуноҳ *кардааст*». Дар ин ҷо гуфта шудааст: *«агар ӯ гуноҳ карда бошад»*. Ҳақ асту рост, вале тамоми алоқамандии матн оид ба эътирофи гуноҳ ва ба по хезондани гунаҳкор шаҳодат медиҳад. Ба ояти зерин диққат диҳед: «Ба гуноҳҳои худ назди якдигар иқрор шавед ва барои якдигар дуо гӯед, то шифо ёбед». Хушксолии дар оятҳои 17 ва 18 гуфташуда ҷазои Худо барои гуноҳҳои Исроил буд. Он танҳо пас аз он хотима ёфт, ки халқ ба Парвардигор рӯ овард ва ӯро чун Худои ҳақиқӣ эътироф намуд (1Подш. 18,39). Чунон ки мебинем, аз оятҳои 19 ва 20 аниқ бармеояд, ки сухан дар бораи барқарор намудани гунаҳкор меравад.

Мазмуни умумии Яъқуб 5,13-20 дар назар дорад, ки Худо шифоро ба касе ваъда медиҳад, ки бемориаш дар натиҷаи гуноҳ ба вуҷуд омадааст, ва дар назди *пирон* ба гуноҳаш иқрор мешавад. Вазифаи *пирон* аз он иборат аст, ки *ба ӯ равған молида, дар ҳаққи Ӯ дуо гӯянд*. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки бо мафҳуми *равған* истифодаи дору дар назар дошта шудааст, зеро ки равғани зайтун дар он рӯзҳое ки Яъқуб Номаи худро менавишт, дору ҳисоб меёфт (Луқ. 10,34). Нуқтаи назари дигар истифодаи маросимии равғани зайтунро ҳимоя мекунад. Он бо ибораи *«ба номи Худованд»* тақвият дода мешавад. Дигар хел карда гӯем, тадҳин бояд бо ҳукми Ӯ ва дар итоат ба сухани Ӯ иҷро карда шавад.

Расулон баъзан равғани зайтунро дар шифобахшии муъҷизакорона истифода мебурданд (Марқ. 6,13). Равғани зайтун қувваи шифобахш надошт, вале он рамзи Рӯҳулқудс ва хизмати шифобахшандагии Ӯ буд (1Қур. 12,9).

Касе эътироз хоҳад кард, ки истифодаи маросимии равғани зайтун мухолифи давраи файз аст, ки он расму одатҳо ва маросимҳоро рад мекунад. Аммо мо нон ва шаробро чун рамзи бадан ва хуни Масеҳ истифода мебарем, дар вақти таъмид бошад, обро истифода мебарем. Занон дар ҷамъомад бо сари пӯшида мешинанд, ки ин рамзи итоати онҳо ба шавҳар мебошад. Пас чаро мо бояд ба истифодаи маросимии равғани зайтун эътироз кунем?

Дар ҷавоби *дуои имон* Худо ба одам шифо мебахшад. Ин *дуои имон* дар ваъдаи Каломи Худо асос ёфтааст. Гап дар он нест, ки оё пирон ё худи бемор имони кофӣ доранд, ё не. Пирон метавонанд бо боварии комил дуо гӯянд, чунки Худо барқарор кардани одамро ваъда додааст, агар ҳамаи шартҳои нишондода пурра иҷро карда шаванд.

Пас, хулоса мебарорем: Ба фикри мо, оятҳои 14 ва 15 ба вазъияте дахл дорад, ки шахс дар натиҷаи ягон хел гуноҳ бемор мешавад. Инро фаҳмида ва пушаймон шуда, ӯ бояд *пирони калисоро даъват намояд* ва ба ҳама чиз иқрор шавад. Пас онҳо бояд *ӯро ба номи Худованд равған молида, дар ҳаққи ӯ дуо гӯянд*. Онҳо барои ба по хестани ӯ бо имон дуо гуфта метавонанд, зеро Худо ба ин хел одам шифо ваъда додааст.

**5,16a** *Ба гуноҳҳои*[13] *худ назди якдигар иқрор шавед ва барои якдигар дуо гӯед, то шифо ёбед*. Дар вақти рӯякӣ хондани ин панд чунин таассурот ҳосил шуда метавонад, ки мо бояд ба дигарон оид ба ҳамаи гуноҳҳои ниҳонии худ маълумот диҳем. Вале дар ин ҷо

маъно тамоман дигар аст! Яъқуб пеш аз ҳама онро дар назар дорад, ки ҳангоме мо зидди касе гуноҳ мекунем, бояд худи ҳамон замон назди ӯ ин гуноҳамонро эътироф намоем.

Ҳамчунин мо бояд *барои якдигар дуо гӯем*. Ба ҷои он ки иҷозат диҳем, то ҳисси ранҷиш ва бадхоҳӣ моро фаро гирад, мо бояд ба василаи иқроршавӣ ва дуо гуфтан дар худ ҳисси робитаи бародаронаро бо дигарон нигоҳ дорем.

Шифоёбии ҷисмонӣ бо барқароршавии рӯҳонӣ вобаста аст. Диққат кунед, Яъқуб чӣ гуна эътироф, дуо ва шифоёбиро мутаҳид мекунад. Ин ишораи муайянест ба робитаи дутарафаи ҳаётан муҳим дар байни ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ. Одам мавҷуди сеченака аст, ки аз рӯҳ, ҷон ва ҷисм иборат аст (1Тас. 5,23). Ба як қисми он таъсир расонидан ё зарар расонидан – яъне ба ҳамааш таъсир расонидан ё ба ҳамааш зарар расонидан мебошад. Дар замонҳои Аҳди Қадим коҳин дар айни замон табиб буд. Маҳз ӯ махавро ташхис мекард ва худи ӯ оид ба шифоёбӣ эълон мекард. Ба ҳамин тариқ, хизмати коҳин ва табиброн дар як одам мутаҳид намуда, Худованд ба робитаи наздики рӯҳ ва ҷисм ишорат кард.

Соҳаи тибби психосоматикӣ (ҷисмонӣ ва рӯҳӣ) ин алоқаро эътироф мекунад ва мушкилоти шахсиятиро, ки қобилияти ба вуҷуд овардани бемориҳои ҷисмониро доранд, тадқиқ менамояд. Вале тибби ҳозира зидди гуноҳ дору надорад. Аз айбдорӣ, нопокшавӣ, қудрати гуноҳ ва ҷазо барои он танҳо дар асоси хуни Масеҳ, тавба дар назди Худо ва одамон халосӣ ёфтан мумкин аст. Чунин гуноҳҳо, ба монанди пурхӯрӣ, ташвишҳо, хашмгинӣ, рӯҳи афв накардан, нопарҳезгорӣ, ҳасад, худбинӣ ва ғурур бештар аз он ки мо мехостем эътироф кунем, боиси бемориҳо мешаванд. Гуноҳ дар зиндагӣ аз пайи худ беморӣ ва баъзан маргро меоварад (1Қур. 11,30). Ҳамин ки ба ҳаёти мо ворид шудани гуноҳро дарк намоем, мо бояд дар он иқрор шавем ва гуноҳро тарк кунем. Ҳамаи гуноҳҳо дар назди Худо бояд эътироф карда шаванд. Ба ғайр аз ин, гуноҳҳои бар зидди дигарон кардаро ҳамчунин дар назди онҳо бояд эътироф кард. Ин ҳам барои сиҳатии маънавӣ ва ҳам барои сиҳатии ҷисмонӣ ҳаётан муҳим аст.

**5,16б-18** *«Дуои самимии шахси ростқор қуввати бузурге дорад. Илёс шахсе буд монанди мо ва дуо гуфт, ки борон наборад; ва се солу шаш моҳ дар рӯи замин борон набуд; ва боз дуо гуфт, ва осмон борон дод ва замин самараи худро рӯёнид».*

Ин ҳодиса дар 1Подшоҳон 17,1-19,10 навишта шудааст. Аҳъоб дар он замон подшоҳи Исроил буд. Вай ба зани худаш Изобал гузашт карда, ба саҷдаи Баал сар кард ва ин шакли манфури бутпарастиро дар байни одамон паҳн мекард. «Аҳъоб корҳои бадашро давом дода, бештар аз ҳамаи подшоҳони Исроил, ки пеш аз ӯ буданд, Худованд Худои Исроилро ба ғазаб овард» (1Подш. 16,33). Хушксолие ки дар Исроил сеюним сол давом кард, натиҷаи бевоситаи гуноҳ буд.

Он гоҳ байни Илёс ва коҳинони Баал дар кӯҳи Кармил мусобиқаи маълум ба вуқуъ омад. Вақте ки оташи Худованд фурӯ рехт ва қурбонии сӯхтанӣ ва ҳезум ва сангҳо ва хокро фурӯ бурд ва оби дар хандақ бударо лесид, одамон боварӣ ҳосил карданд ва аз нав ба Худованд рӯ оварданд. Ва Илёс боз *дуо гуфт* ва хушксолӣ қатъ гардид. Мисоли *Илёс* барои рӯҳбаланд кардани мо дода шудааст, то мо барои гунаҳкороне дуо гӯем, ки дур аз мушоракат бо Худо саргардон ҳастанд. *Дуои самимии шахси ростқор қуввати бузурге дорад,* ё чунон ки касе суханҳоро тағйир дода гуфтааст: «Дуои одаме ки дилаш дар назди Худо ҳақ аст, мӯъҷизаҳо меофарад». Барои он ки фикре пайдо нашавад, ки Илёс нисбат ба мо болотар мебошад, Яъқуб ёдрас менамояд, ки *Илёс* айнан ҳамин хел одаме *монанди мо* буд, ки ҷисми фонӣ дошт. Ӯ одами одӣ буда, ҳамон майлу ҳавасҳо ва сустиҳоеро дошт, ки дигарон доштанд.

**5,19-20** Дар оятҳои пешина мо дидем, ки чӣ хел Худо барои ба по хезондани имондори гуноҳкарда пирони калисоро истифода мебарад. Ва мо Илёсро дидем, ки дар барқарор кардани (қисман ва муваққатан) халқи гунаҳкор истифода мешавад. Акнун даъвати ба ин хизмати ҷиддӣ бахшидани худ ба мо нигаронида шудааст.

Ояти 19 бародари масеҳиро, ки дар таълимот ё дар амал *аз роҳи ростӣ* сар печидааст, тасвир мекунад. Бародари дигар бо ҷидду ҷаҳд ва имон дуо мегӯяд ва ҳамин тариқ бо муҳаббат ӯро ба мушоракат бо Худо ва бародарону хоҳарон дар Масеҳ бармегардонад. Аҳамияти ин хизмат хеле бузург аст. Пеш аз ҳама ӯ бародари гунаҳкорро аз марги бармаҳал аз дасти ҷазодиҳандаи Худо *наҷот медиҳад*. Ба ғайр аз

ин, ӯ *гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад*. Онҳоро Худо бахшидааст ва фаромӯш кардааст. Онҳо ҳамчунин аз тарафи масеҳиён бахшида шудаанд ва аз нигоҳи дақиқи дунёи иҳотакунанда ниҳонанд. Ин хизмат имрӯз то чӣ андоза зарур аст! Хушхабарро ба ҳалокшавандагон боэҳтимом расонда, шояд мо ба гӯсфандони аз рама ақибмондаи Масеҳ аҳамияти кофӣ намедиҳем.

Ба соҳаҳои гуногуни зиндагии масеҳиёна дахл намуда, Яъқуб бори дигар ба виҷдони мо муроҷиат мекунад. Масалан, ӯ аз мо мепурсад: Оё шумо дар замин ганҷҳо ғун мекунед? Оё усулҳои пеш бурдани корҳоятонро комилан бовиҷдонона номидан мумкин аст? Масалан, пардохти андоз аз даромадро? Шумо боҳашаматона ва ё ҷонфидоёна зиндагӣ мекунед, то ки дигарон назди Наҷотдиҳанда оянд ва Ӯро дарк кунанд? Зидди шахси дигар гуноҳ карда, оё назди ӯ мешитобед ва узрхоҳӣ мекунед? Агар шумо бемор шавед, пеш аз ҳама ба кӣ муроҷиат мекунед – ба табиб ё Худованд? Гунаҳкор шудани бародарро дида, шумо ӯро фақат танқид мекунед ё мекӯшед ӯро ба по хезонед?

Инак, мо омӯзиши ин номаи кӯтоҳи амалиро ба охир мерасонем. Дар он мо санҷиши имонро дидем. Мо имони бо мушкилоти ҳаётӣ, бо васвасаҳои шайтонӣ, бо итоат ба Каломи Худо санҷидашударо дидем. Ба одами «имон дорам» мегуфта пешниҳод шуда буд, ки аз рӯйбинӣ ва нозпарвардӣ худдорӣ карда, имонашро зоҳир намояд, ва онро бо амалҳои нек тасдиқ намояд. Имони воқеӣ дар суханҳои одам аён мегардад; масеҳӣ ба ҳокимияти Масеҳ мутеъ намудани забони худро меомӯзад. Имони ҳақиқӣ бо ҳикмати ҳақиқӣ ҳамроҳ аст; зиндагии пур аз ҳасад ва душманӣ ба зиндагии худотарсии амалӣ табдил меёбад.

Имон аз душманӣ, ихтилоф ва ҳасад, ки аз ҳарисӣ ва ҳавобаландии ҳаётӣ ба вуҷуд меоянд, дурӣ меҷӯяд. Он аз рӯҳи танқидӣ ва қатъӣ барканор аст. Он аз боварӣ ба худ, ки Худоро берун аз нақшаҳои ҳаёт мегузорад, канора меҷӯяд. Имон аз санҷиши тарзи пулкоркунӣ ва сарфи он бо муваффақият мегузарад. Ба зулму тааддӣ нигоҳ накарда, вай то омадани Худованд қувваи рӯҳ ва сабру тоқатро нишон медиҳад. Суханони имон ҳамеша рост аст ва ба ҳеҷ гуна боваркунонии қасамӣ эҳтиёҷ надорад. Имон дар ҳамаи тағйиротҳои кайфиятҳои зиндагӣ ба Худо нигаронида шудааст. Дар беморӣ вай пеш аз ҳама сабабҳои рӯҳониро меҷӯяд. Вай дар назди Худо ва шахсоне ки дар ҳаққашон бадӣ кардааст, иқрор шуда, ин сабабҳои имконпазирро бартараф менамояд. Ва ниҳоят, имон худро дар муҳаббат ва ҳамдардӣ ба онҳое зоҳир менамояд, ки пешпо хӯрда, ба гуноҳ дода шудаанд.

Имони шумо ва ман ҳар рӯз санҷида мешавад. Ҳукми Довар чӣ гуна аст?

# Тавзеҳот

1. (1,14) Калимаи юнонии «эпитумиа» танҳо шакли пурқувваткардашудаи калимаи «хоҳиш» аст. Калимаи тоҷикии «ҳавас» ҳамчунин «хоҳиш» ё «шавқ»-ро ифода мекунад, вале дар ин ҷо маънии хоҳиши шаҳватпарастиро дорад.
2. (1,21) Худи ҳамон як калимаи юнонӣ (психэ ) ҳам зиндагӣ ва ҳам ҷонро ифода мекунад ва на ҳама вақт боварӣ ба он ҳаст, ки ин ё он тарҷума беҳтар аст. Ҳамчунин ҳатмӣ нест, ки калимаи «наҷот» ба наҷоти ҷовидонӣ тааллуқ дошта бошад. Он ба шифоёбӣ, раҳоӣ, озодшавӣ ва дигар зуҳурот дахл дошта метавонад. Ба ҳамин тариқ, ифодаи «ҷони худро наҷот диҳед» дар баъзе матнҳо «дар зиндагии худ (барои Масеҳ) комёб бошед»-ро ифода карда метавонад.
3. (2,2-4) Дар ин ҷо калимаи юнонии «синагоге» (ҷамоат) истифода шудааст. Азбаски ин калима дертар танҳо барои ҷамъомади яҳудиён («синагога») истифода мешуд, вай сабаби санагузории аз ҳама барвақти Номаи Яъқуб гардид. «Ҷамоат», «калисо» ва «ҷамъомад» одатан тарҷумаи калимаи «экклезиа» «ҷамъомад (-и даъватшуда)» аст. Дар ибтидо он истилоҳи сиёсӣ буд.
4. (2,14) Барои аниқтар будан бояд зикр кард, ки дар ин ҷо дар забони юнонӣ калимаи «чунин» нест, балки танҳо артикли муайянӣ («ин») ҳаст. Азбаски артикл

баъзан қувваи ҷонишини ишоратиро дошта метавонад, дар баъзе ҳолатҳо онро артикли муқаррарии бо исми абстрактӣ истифода мешуда ҳисобидан мумкин аст.

5. (2,20) Дар матни НА ба ҷои «мурда» «беҳуда» мехонем.
6. (3,5.6) Clovis G. Chappel, *Sermons from the Psalms,* саҳ. 132.
7. (3,7) Robert G. Lee, *Lord I Believe,* саҳ. 166-168.
8. (4,4) Дар аксари дастнависҳо зинокорон ва «зонияҳо» мехонем, ки шояд бадахлоқии ҳақиқиро дар баъзе ҷамоатҳо дар назар дорад. Дар дастнависҳои Искандариягӣ (НА) танҳо шакли занона «зония» дода шудааст, ки маънои маҷозиро дар назар дошта метавонад. Тарҷумаи тоҷикии Китоби Муқаддас ҳар ду маъноро имконпазир медонанд: зинокории ҷисмонӣ ва ё маънавӣ.
9. (4,5) Дар дастнависҳои юнонӣ барои ҳарфи калон ва ҳарфҳои хурд фарқи хуруфотӣ нест. Дар идеал ин ҷо бояд чунин ҳарфи «р» бошад, ки як чизи миёна байни варианти калон ва хурд бошад. Ин барои аксари ҷойҳои Инҷил хос аст, ки дар он аз матн маълум нест, ки оид ба Рӯҳулқудс ё рӯҳи одам сухан меравад. Азбаски шакли ба ин монанди ҳарфҳо нест, пас ба тарҷумонон ва муҳаррирон лозим меояд, ки фаҳмиши матнро ба асос гирифта, ба қароре оянд. Дар ин ҷо ва дар дигар ҷойҳо ақидаи олимони илоҳиётшинос мухталиф аст.
10. (4,11.12) Дар матни НА «наздикро» мехонем.
11. (5,9) Дар матнҳои НА ва аксари дастнависҳо «доварӣ нашавед» мехонем, вале матн ҳукми манфиро дар назар дорад, бинобар ин калимаи «маҳкум нагардед» асоснок карда шудааст.
12. (5,12) Аксари матнҳо варианти шавқовартари хонишро медиҳад. Дар НА «ҳипо крисин» мехонем, яъне «дар зери маҳкумият». Вале дар аксари дастнависҳо «эис» («дар») «ҳипокрисин» («дурӯягӣ») мехонем. Агар пешоянди хурдакаки «эис» дар вақти нусхабардорӣ партофта шуда бошад, пешоянди «ҳипо»-ро ҳамчун пешоянди алоҳида гирифтан ва маънидоди «дар зери муҳокима» ба даст овардан табиӣ мешавад. Ҳар ду ифода ба матни додашуда мувофиқат мекунанд, яъне зимнан, ҳамаи Номаи Яъқубро, ки дар ин ҷо ба охир мерасад, ҳамчун огоҳӣ зидди дурӯягии рӯҳонӣ дида баромадан мумкин аст.
13. (5,16) Дар матни НА мо мехонем: «Бинобар ин ба гуноҳатон иқрор шавед».

# Рӯйхати адабиёт


Adamson, James.
*The Epistle of James* (NIC).
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1976.

Brown, Charles.
*The General Epistle of James: A Devotional Commentary.*
Philadelphia: The Union Press, 1907.

Gaebelein, Frank.
*The Practical Epistle of James.*
Great Neck, N. Y.: Doniger & Raughley, 1955.

Johnstone, Robert.
*Lectures Exegetical and Practical on the Epistle of James.*
Minneapolis: Klock & Klock Christian Publishers (таҷдиди чопи с. 1781).

Kelly, William.
*The Epistle of James.*
London: F. E. Race, 1913.

King, Guy H.
*A Belief that Behaves.*
London: Marshall, Morgan & Scott, 1954.

Zodhiates, Spiros.
*The Behaviour of Belief.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1959.

# НОМАИ ЯКУМИ ПЕТРУС

*Агар мо намедонистем, ки ин Номаро кӣ навиштааст, маҷбур мебудем иқрор шавем: танҳо одам-кӯҳпора, ки ҷонаш дар таҳкурсии мустаҳкам осоиш меёбад, чунин навишта метавонист; ӯ бо шаҳодати тавонои худ ҷонҳои одамонеро, ки зери фишори азобҳои ба сарашон фурӯ мерехта мебошанд, устувор мегардонад ва онҳоро дар асоси ҳақиқатан мустаҳкам обод мекунад.*

Висингер

## Муқаддима

### I. ҶОИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Масеҳиён дар кишварҳои исломӣ ва коммунистӣ ба фишорҳо, муносибати душманона ва ҳатто таъқиботи рӯйрост чунон одат кардаанд, ки қариб интизори онҳо ҳастанд. Номаи якуми Петрус барои онҳо ёрии бузурги амалист. Он таълим медиҳад, ки азобҳоро чунон қабул кунанд, ки Худованд паси сар кард, ва барои ҳосил намудани сифатҳое ба монанди суботкорӣ ёрӣ медиҳад.

Масеҳиён дар Ғарб, хусусан имондорони англисизабон бо мероси калони дониши Навиштаи Муқаддас, ҳанӯз ба мухолифати ҷамъиятие ки зидди ин равона шудааст, мутобиқ нашудаанд. То қарибиҳо давлат оиларо чун асоси ҷамъият таҳсин менамуд ва ҳатто ба «калисо аз рӯи интихоб» рафтанро ҳавасманд мекард. Аммо акнун ин тавр нест. Ҳукумат, хусусан органҳои маҳаллии ҳокимият, аз афташ, доварон, муассисаҳои таълимӣ ва хусусан расонаҳои хабариро барои он истифода мебаранд, ки масеҳиёни ба Китоби Муқаддас имондоштаро дар партави бардурӯғ муаррифӣ кунанд, масхара ва ё ҳатто бадном намоянд. Радио, телевизион, филмҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ахбори расмӣ бадахлоқӣ, дағалӣ, дурӯғ ва ҳатто бадгӯӣ ба Худоро тарғиб мекунанд. Имрӯзҳо масеҳият «зиддимаданӣ» шудааст, ва агар имондорон ҳарчи зудтар дарсҳоеро, ки расул Петрус дар Номаи якуми худ таълим медиҳад, дарк кунанд, онҳо ҳамон қадар беҳтар ба солҳои охири асри бист ва солҳои аввали асри бисту як омода мешаванд – агар Худованди мо таъхир кунад.

### II. МУАЛЛИФӢ

#### Шаҳодати берунӣ

*Шаҳодати берунӣ* оид ба он ки ин Номаро Петрус навиштааст, барвақт ва қариб умумист. Евсевий чунин меҳисобад, ки Номаи якуми Петрус дар байни китобҳое ҷой мегирад, ки ҳамаи масеҳиён қабул доранд *(homologoumena)*. Поликарп ва Клименти Искандариягӣ ҳамчунин китобро қабул доранд. Дар «Қонун»-и Маркион набудани он набояд ҳайрон кунад, чунки вай фақат номаҳои Павлусро қабул медошт. Дар рӯйхатҳои «Қонун»-и Мураторӣ 1Петрус нест, аммо ин, аз афташ, аз боиси порча-порча будани ин ҳуҷҷат аст.

Пурра имкон дорад, ки 2Петрус 3,1 барвақттарин тасдиқи Номаи якуми Петрус аст. Ҳатто онҳое ки боварӣ доранд, ки Петрус Номаи дуюмро нанавиштааст (ниг. Муқаддима ба 2Петрус), ба ҳар ҳол онро ба қадри кофӣ барвақт меҳисобанд, то қувваи шаҳодатро барои Номаи якуми Петрус дошта бошад, агар, чунон ки тахмин меравад, ба ин Номаи барвақттар навишташуда дахл дошта бошад.

#### Шаҳодати дохилӣ

*Шаҳодати дохилӣ,* ки баъзеҳоро водор месозад ба муаллифии Петрус шубҳа кунанд, – забони хеле дурусти юнонист, ки дар Нома истифода мешавад. Оё моҳигири ҷалилӣ ин тавр хуб навишта метавонист? Бисёриҳо мегӯянд: «Не». Аммо, чунон ки фарҳангии худи мо бисёр вақт тасдиқ мекунад, шахсоне ки лаёқати забономӯзӣ ва дар назди ҷамъият баромад карданро доранд, дар санъати суханварӣ ба забони хориҷӣ барҷаста мешаванд, агарчи

дар коллеҷ ва ё семинария таълим нагирифтаанд. Петрус сӣ сол таълим медод, илова бар ин илҳоми Рӯҳулқудс ва ёрии имконпазири Силвонусро низ дар таълифи Нома бояд ба эътибор гирифт. Ҳангоме дар Аъмол 4,13 гуфта мешавад, ки Петрус ва Юҳанно нохонда ва сода буданд, ин танҳо он маъноро дорад, ки онҳо тахсилоти расмии раввиниро надоштанд.

Истинодҳо ба ҳаёт ва хизмати Петрус дар Номаи якум пурра кофист, ки инро рӯйхати зерини ҷузъиёт нишон медиҳад.

Дар 1,8 муаллиф дар назар дорад, ки Исоро чунон дидааст, ки хонандагони вай надидаанд. Вай мегӯяд: «... Ӯро надида дӯст медоред», на ин ки «мо Ӯро надидаем». Аз оятҳои дигар мо мефаҳмем, ки муаллиф ба Худованд ҳамроҳӣ мекард.

Даҳ ояти аввали боби 2 Масеҳро чун санги гӯша муаррифӣ мекунанд ва, ҳамин тариқ, моро ба ҳодисаҳо дар Қайсарияи Филиппус (Мат. 16,13-20) бармегардонанд. Ҳангоме ки Петрус Исоро чун Масеҳ, Писари Худои зинда эътироф намуд, Худованд Исо эълон намуд, ки Калисои Ӯ бар ин асос сохта хоҳад шуд, яъне бар он ҳақиқат, ки Масеҳ Писари Худои зинда аст. Ӯ санги гӯша ва асоси Калисо аст.

Истинод ба сангҳои зинда дар 2,5 воқеаеро дар Юҳанно 1,42 ба ёд меорад, ки он ҷо номи Шимъун бо «Кифо»-и арамӣ, ё «Петрус»-и юнонӣ, ки маънояш *«санг»* аст, иваз карда шуда буд. Петрус аз рӯи имон ба Масеҳ санги зинда шуд. Ҳайратовар нест, ки вай дар боби 2 оид ба сангҳо гуфтаниҳо дорад. Дар 2,7 муаллиф аз Забур 117,22 иқтибос меорад: *«Санге ки меъморон рад карданд, санги сари гӯшаи бино гардид»*. Ҳангоми дар назди ҳокимон, пирон ва китобдонон дар Уршалим ба доварӣ кашида шуданаш Петрус ба ҳамин ҷой истинод карда буд (Аъм. 4,11).

Ба ҳукумат мутеъ буданро маслиҳат додани расулро хонда (2,13-17), мо оид ба он замоне фикр мекунем, ки худи Петрус итоат накарда, гӯши ғуломи саркоҳинро бурида буд (Юҳ. 18,10). Бинобар он ин маслиҳати вай на танҳо илҳоми илоҳӣ дорад, балки бар таҷрибаи калони амалӣ бунёд шудааст!

Порчаи 2,21-24, аз афташ, ба шаҳодати шоҳиди азобҳо ва марги Масеҳ ишорат мекунад. Петрус итоаткорона сабр кардан ва хомӯшона азоб кашидани Наҷотдиҳандаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонист. Дар 2,24 ба мо гуфта мешавад, ки Наҷотдиҳанда чӣ гуна мурдааст – ба воситаи мехкӯб кардан дар салиб. Аз афташ, тасвир суханони Петрусро дар Аъмол 5,30 ва 10,39 такрор мекунад.

Оиди хонандагони худ, ки ба назди Чӯпон ва Нозири ҷонҳо баргаштаанд, сухан ронда (2,25), Петрус, аз афташ, оид ба барқароршавии худ (Юҳ. 21,15-19) баъди Худовандро рад кардан фикр мекард.

Ёдрасӣ оид ба он ки «муҳаббат гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад» (4,8), шояд ба саволҳои Петрус ишорат мекунад: «Худовандо! Чанд бор ба бародари худ, ки нисбат ба ман гуноҳ карда бошад, афв намоям? Оё то ҳафт бор?» Исо ҷавоб дод: «Ба ту намегӯям: «То ҳафт бор», балки то ҳафтод карат ҳафт бор» (Мат. 18,21.22). Дигар хел карда гӯем, дафъаҳои беҳисоб.

Дар 4,16 ба мо гуфта шудааст, ки агар касе чун масеҳӣ уқубат кашад, бояд шарм надорад, балки Худоро ҷалол диҳад. Ин ҷойро бо Аъмол 5,40-42 муқоиса кунед, ки он ҷо Петрус ва расулони дигар баъди шаллоқхӯриҳо аз шурои пирон баромада, «хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Ӯ сазовори беҳурматӣ гардидаанд».

Муаллифи Нома худро шоҳиди азобҳои Масеҳ меҳисобад (5,1). Ибораи «шарики ҷалоле ки бояд ба зуҳур ояд» дигаргуншавии Исоро ифода карда метавонад. Албатта, Петрус шоҳиди ҳар ду ҳодиса буд.

Маслиҳати кӯтоҳи шубонона оид ба чаронидани «рамаи Худо, ки назди шумост» (5,2), суханони Наҷотдиҳанда ба Петрусро ёдрас мекунад: «Барраҳои Маро бичарон ... гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо ... гӯсфандони Маро бичарон» (Юҳ. 21,15-17).

Суханон аз 5,5 «фурӯтаниро дар бар кунед» ҳодисаеро ёдрас мекунанд, ки дар Юҳанно 13 тасвир шудааст, ҳангоме Исо Худаш дастмоли ғуломро ба миёнаш баста, пойҳои шогирдонашро шуст. Порча оид ба ғурур ва фурӯтанӣ (5,5.6) аҳамиятноктар мешавад, ҳангоме мо ба ёд меоварем, ки Петрус мағрурона изҳор кард, ки ҳеҷ гоҳ Худовандро инкор намекунад (Марқ. 14,29-31), аммо баъд аз он се бор Худовандро инкор кард (Марқ. 14,67-72).

Истиноди хотимавӣ, ки ва таҷрибаи Петрус дахл дошта метавонад, дар 5,8

ёфт шудааст: «Душмани шумо, иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад». Ҳангоме ки Петрус инро менавишт, шояд, он вақтеро ба ёд меовард, ки Исо ба вай гуфт: «Шимъун! Шимъун! Инак шайтон талабгори он буд, ки шуморо мисли гандуме аз ғалбер гузаронад» (Луқ. 22,31).

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Таълимоти Петрус оид ба умуман фоиданок будани ҳукумат барои онҳое ки некӣ карданӣ ҳастанд (1Пет. 2,13-17), чунон ки бисёриҳо ақида доранд, баъди таъқиби бераҳмонаи масеҳиёнро сар кардани Нерон (соли 64-уми милодӣ) навишта нашудааст, зеро беҳад муросокорона аст. Дар ҳар сурат, Нома аз ин замон дур буда наметавонад. Шояд он соли 64 ё 65 навишта шудааст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Чунон ки зикр шуда буд, Петрус ба азобҳо дар ҳаёти масеҳиёна диққати махсус медиҳад. Чунин ба назар мерасад, ки хонандагони вай ба хотири Масеҳ ба туҳмат ва масхараҳо дучор шудаанд (4,14.15). Маҳбас, мусодираи молу мулк ва марги зӯроварона барои бисёриҳо, аз афташ, дар оянда аст. Аммо азобҳо мавзуи ягонаи ин Номаи бузург нест. Баракатҳое ки бо қабули Хушхабар ба мерос гирифтаем, муносибатҳои дурусти имондорон бо ҷаҳон, давлат, оила ва Калисо, насиҳатҳо оид ба пирони калисо ва ҷазои интизомӣ дар калисо – ҳамааш ба ҳамин ҷо дохил карда шудааст.

Аз «Бобил» – ё ҳақиқатан аз ин шаҳр дар соҳили Фурот, ки он ҷо ҷамоати яҳудӣ буд, ё аз Бобили рӯҳонӣ дар соҳили Тибр (Рум) – расул ин Номаро ба вилоятҳои шарқӣ мефиристад, ба он ҷое ки ҳозир Туркия ҷойгир аст.

# НАҚША

I. ИМТИЁЗҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ИМОНДОР (1,1–2,10)
   - А. Салому паём (1,1.2)
   - Б. Мавқеи масеҳӣ чун имондор (1,3-12)
   - В. Рафтори масеҳӣ дар партави мавқеаш (1,13–2,3)
   - Г. Имтиёзҳои масеҳӣ дар хонаи нав ва каҳонати нав (2,4-10)

II. МУНОСИБАТҲОИ ИМОНДОР (2,11–4,6)
   - А. Мусофир ба ҷаҳон бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,11.12)
   - Б. Шаҳрванд ба ҳокимият бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,13-17)
   - В. Хизматгор ба хоҷааш бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,18-25)
   - Г. Зан ба шавҳар бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,1-6)
   - Ғ. Шавҳар ба зан бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,7)
   - Д. Бародар ба бародарӣ бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,8)
   - Е. Ситамдида бо таъқибкунандагон бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,9–4,6)

III. ХИЗМАТ ВА АЗОБИ ИМОНДОР (4,7–5,14)
   - А. Насиҳатҳои муҳим барои рӯзҳои охир (4,7-11)
   - Б. Насиҳатҳое ки ба азобҳо дахл доранд (4,12-19)
   - В. Пандҳо ва салому паёмҳо (5,1-14)

# Тафсир

## I. ИМТИЁЗҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ИМОНДОР (1,1–2,10)

### A. Салому паём (1,1-2)

**1,1** Моҳигири дӯстдошта худро *Петрус, ҳаввории Исои Масеҳ* муаррифӣ мекунад. Чун яке аз дувоздаҳ вай аз Худованд фармоне гирифт, ки расонандаи хабари пурҷалоли дигаргункунанда бошад. Ба даъвати илоҳӣ фавран итоат намуда, вай «сайёди одамон» шуд.

Ҳамаи имондорон ба он даъват шудаанд, ки дар рӯи замин манфиатҳои Масеҳро намояндагӣ кунанд. Ҳамаи мо вазифадорем миссионер бошем, дар хона ё дар хориҷа. Барои мо, чун барои пайравони Исо, ин мақсади асосии ҳаёт аст; ҳама чизи дигар дуюмдараҷа аст.

Нома ба *ғарибон,* ё хориҷиён, ки дар ҳама ҷо парокандаанд, навишта шудааст: *дар Понтус, Ғалотия, Каппадукия, Осиё ва Битуния.* Ин муҳоҷиронон киҳо буданд?

Калимаи *«пароканда»*-ро ба кор бурдани Петрус моро ба он фикр водор месозад, ки онҳо имондорони яҳудӣ буданд, чунки Яъқуб ҳамин калимаро барои мурочиат ба имондорон аз дувоздаҳ қабилаи Исроил ба кор мебарад (Яъқ. 1,1). Дар Юҳанно 7,35 низ ин калима яҳудиёни дар байни бутпарастон паҳншударо тасвир мекунад.

Аммо он чиз низ имконпазир аст, ки Петрус ба имондорони ғайрияҳудӣ, ки аз боиси таъқибот дар байни халқҳои атроф пароканда шуда буданд, менависад. Дар айни ҳол вай бисёр номҳоеро, ки пештар халқи заминии Худо бо онҳо номида мешуданд, гирифта, онҳоро нисбати ҷамъияти нави Худо – нисбати Калисо ба кор мебарад. Вай онҳоро «интихобшуда» (1,2), «насли интихобшуда», «каҳонати шоҳона», «халқи муқаддас», «қавме ки мулки азизи Худо дониста шудааст» (2,9), меномад. Боз се омили ишоракунанда ба он ҳаст, ки вай ба имондорони ғайрияҳудӣ менавишт. Вай оид ба ҳаёти ҳеҷу пуч мегӯяд, ки онҳо аз падаронашон мерос гирифтаанд (1,14.18). Вай онҳоро чун онҳое тасвир мекунад, ки дар гузашта халқи Худо набуданд (2,10). Ва ниҳоят, дар 4,3 вай мегӯяд, ки дар гузашта онҳо чун бутпарастон мезистанд. Ҳамин тариқ, мо асоси боэътимоде дорем чунин ҳисобем, ки диаспора, ё парокандагие ки Петрус оид ба он мегӯяд, калисои масеҳист, ки ба андозаи хеле калон аз ғайрияҳудиёни имондор иборат буд. Асосан расули яҳудиён будани Петрус хизмат ба ғайрияҳудиёнро аз эҳтимол соқит намекунад. Албатта, Павлус, расули ғайрияҳудиён, ҳамчунин вақтро дар хизмат ба яҳудиён мегузаронд.

**1,2** Барои онҳое ки ин Номаро мегиранд, ин ҷо чор марҳалаи наҷот додани онҳо тасвир шудаанд, ки ҳар се Шахсияти Ваҳдати Сегонаро дар бар мегиранд.

Пеш аз ҳама, онҳо *мувофиқи таъйиноти пешакии Худои Падар интихоб шудаанд.* Ин чунин маъно дорад, ки Худо аз азал онҳоро интихоб кард, то ки онҳо ба Ӯ тааллуқ дошта бошанд. Таълимот оид ба интихоби илоҳӣ на ҳамеша ба омма маъқул аст, аммо қадру қиматаш дар ин аст, ки он ба Худо имкон медиҳад Худо бошад. Кӯшишҳои ба одамон мақбул намудани он танҳо боиси кам гардидани соҳибихтиёрии Худо мегарданд. Ҳама гуна душворӣ дар мутобиқ кардани интихоби илоҳӣ ва масъулияти одам дар ақли инсон аст, на дар Худо. Китоби Муқаддас ҳар ду таълимотро меомӯзонад, ва мо бояд ба ҳар дуяш бовар кунем. Ҳақиқат дар ҳар ду ифрот аст, на дар миёни онҳо.

Гуфта шудааст, ки интихоби илоҳӣ *ба таъйиноти пешакии* Ӯ вобастааст. Баъзеҳо инро чунин мефаҳманд, ки Худо касонеро, ки ба Наҷотдиҳанда имон овардани онҳоро пешакӣ донист, интихоб кардааст. Дигарон мегӯянд, ки Худо хуб медонист, ки ҳеҷ як гуноҳкоре ки ба ҳоли худ гузошта шудааст, Наҷотдиҳандаро бо имон қабул намекунад, бинобар ин дар таъйиноти пешакии Худ одамони муайянро интихоб намуд, то мукофоти файзи Ӯ бошанд. Агарчи дар интихоби илоҳӣ сирри баённашаванда ниҳон аст, мо метавонем дилпур бошем, ки дар он ҳеҷ чизи беадолатона нест.

Марҳалаи дуюми наҷот – *тақдиси Рӯҳ* аст. Ин ҷиҳати покшавӣ пеш аз имон овардан воқеъ мешавад.[1] Маҳз ба воситаи хизмати *Рӯҳулқудс* Худо одамонро барои он ҷудо кард, то онҳо ба Ӯ тааллуқ; дошта бошанд (ниг. ҳамчунин 2Тас. 2,13). Он мантиқан аз пайи интихоби Худо Падар меояд. Дар абадият Худо одамонро пешакӣ шинохта, интихоб кард. Дар вақти даркорӣ дар ҳаёти шахсони алоҳида Рӯҳулқудс ба кор сар карда, ин интихобро ба воқеият табдил медиҳад.

Марҳалаи сеюм дар наҷоти ҷон – ҷавоби гуноҳкор ба кори Рӯҳулқудс аст. Он чун *итоат* ба Исои Масеҳ тасвир шудааст. Ин маънои ба Хушхабар итоат карда, дар гуноҳҳо тавба кардан ва Масеҳро чун Наҷотдиҳанда қабул карданро дорад. Идеяи Хушхабар дар итоат ба он аст; он барои тамоми Аҳди Нав умумист (ниг. Рум. 2,8; 2Тас. 1,8).

Ва ниҳоят, *пошидани хуни* Ӯ. Мо набояд онро таҳтуллафзӣ фаҳмем ва изҳор намоем, ки одами наҷотёфта ҳақиқатан бояд бо хуни Исо шуста шавад. Ин ифодаи маҷозист. Дар назар дошта шудааст, ки одам баробари ба Хушхабар итоат карданаш тамоми имтиёзҳоеро мегирад, ки аз хуни дар Ҷолҷолто рехтаи Масеҳ бармеоянд. Хуни Наҷотдиҳанда як бор ва барои ҳамеша қариб 1900 сол пеш рехта шуда буд; он дигар ҳеҷ аз нав намерезад. Аммо ҳамин ки ба Ӯ имон оварем, мо бахшидашавӣ, наҷот ва дигар баракатҳои беҳисоберо мегирем, ки аз ин хун бармеоянд.

Чор марҳаларо дар зодашавии рӯҳонии хонандагонаш аз назар гузаронда, Петрус акнун мехоҳад барои онҳо *файз ва осоиш фаровон* бошад. Онҳо наҷот ва оштӣ бо Худоро ба даст оварда, аллакай файзи Худоро аз сар гузарониданд. Аммо рӯз аз рӯз онҳо ба *файз,* ё қувват, барои ҳаёти масеҳиёна ва ба *осоиш* дар ҷамъияти ноором эҳтиёҷ хоҳанд дошт. Ҷеймс Деннӣ гуфтааст, ки «файз калимаи аввалин ва охирини Хушхабар аст, ва осоиш – саломатии комили рӯҳонӣ – амали анҷомёфтаи файз аст».

### Б. Мавқеи масеҳӣ чун имондор (1,3-12)

**1,3** Дар оятҳои 3-12 Петрус беҳамтоии ҷалоли наҷоти моро тасвир мекунад. Вай аз даъват ба ҳамду санои Муаллифи наҷот – *Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ* сар мекунад. Ин ном муносибатҳои духелаи Худоро бо Худованд Исо муаррифӣ мекунад. Номи *«Худои Худованди мо Исои Масеҳ»* табиати одамии Наҷотдиҳандаи моро таъкид мекунад. Номи *«Падар»* табиати илоҳии Писари Худоро таъкид мекунад. Ин ҷо номи пурраи Писар дода шудааст:

*Худованд* – Оне ки ҳаққи фавқулодаи фармонравоиро бар дилҳо ва ҳаётҳо дорад.

*Исо* – Оне ки одамони Худро аз гуноҳҳо наҷот медиҳад.

*Масеҳ* – Масҳшудаи Худо, ки дар осмон беш аз ҳама болобардор карда шудааст.

Маҳз бо *марҳамати бузурги* Худо мо *ба умеди зинда* ба воситаи *аз мурдагон* бархостани *Исои Масеҳ* зинда карда шудем. Худо сарчашмаи ин наҷот аст. Марҳамати бузурги Ӯ сабаб аст. Зодашавӣ аз олами боло табиати он аст. Умеди зинда мукофоти атошуда аст. *Эҳёи Исои Масеҳ* асоси қонунии наҷоти мо ва асоси *умеди зиндаи* мост.

Чун гуноҳкорон, мо аз ҳама гуна умеди ҳаёти баъд аз марг маҳрум будем. Дар пеши мо ҳеҷ чизе ғайр аз боварӣ ба доварӣ ва оташи сӯзон набуд. Чун аъзоёни офариниши аввалин, мо ба марг маҳкум будем. Аммо дар кори наҷотдиҳандаи Масеҳ Худо асоси қонунӣ ёфт, ки ба Ӯ имкон медод гуноҳкорони исёнкорро наҷот диҳад ва одил монад. Масеҳ гуноҳҳои моро бозхарид намуд. Ӯ музди онҳоро пурра пардохт. Талаботи довариии одилона иҷро карда шуданд ва акнун файз ба онҳое ҷорӣ шуда метавонад, ки ба Хушхабар итоат мекунанд. Масеҳро зинда намуда, Худо тасдиқ кард, ки аз қаҳрамонии фидокоронаи Писараш қаноатманд аст. Растохез ҷавоби тасдиқкунандаи «Омин»-и Падар ба нидои Худованди мо «Иҷро шуд!» мебошад. Ин растохез ҳамчунин гарави он аст, ки ҳамаи онҳое ки дар Масеҳ мемиранд, аз мурдагон бармехезанд. *Умеди зиндаи* мо интизории он аст, ки моро ба хона, ба осмонҳо, қабул мекунанд, то ки мо бо Масеҳ бошем ва ба таври доимӣ ба Ӯ монанд шавем. Ф. Б. Мейер *умеди зиндаро* «робита байни ҳозира ва ояндаи мо» меномад.

**1,4** Оятҳои 4-5 ин ҷиҳати ояндаи наҷотро тасвир мекунанд. Аз олами боло зода шуда, мо ба *мерос ... дар осмон* умеди мустаҳкам баста метавонем. *Мерос* ҳамаи он чиро дар бар мегирад, ки имондор ҷовидона дар осмонҳо аз онҳо лаззат хоҳад бурд, ва ҳамаи ин ба вай ба воситаи Масеҳ тааллуқ хоҳад дошт (Заб. 16,5). Мероси *бефано, пок ва пажмурданашаванда.* 1) *Бефано* он ҳеҷ гоҳ занг намезанад, намепӯсад ва дуздида намешавад. Он тобеи марг нест. 2) *Пок* мерос дар ҳолати комил аст. Покии он бо ягон нуқсон ё доғ олуда шуда наметавонад. Он таҳти фармони гуноҳ нест. 3) *Пажмурданашаванда* арзиш, шуҳрат ё зебоии он ба дигаргунӣ дучор намешавад. Он тобеи вақт нест.

Мероси заминӣ, дар ҳолати беҳтарин, беэътимод аст. Баъзан арзиши заминҳо аз боиси паст шудани нарх дар бозор кам мешавад. Баъзан шахсони дар васият зикрнашуда бо муваффақият барои он талош мекунанд. Баъзан одамон аз боиси расмиятҳои ҳуқуқӣ аз мерос маҳрум мешаванд. Аммо мероси Худо ба ҳеҷ дигаргунии вақт вобаста нест, ва барои аз ҳаққи молики он будан маҳрум кардани имондор ҳеҷ роҳе нест. Он барои фарзандони Худо дар махзани бехатар дар осмон нигоҳ дошта мешавад.

**1,5** На танҳо мерос барои масеҳиён нигоҳ дошта мешавад, балки худи онҳо низ барои он *нигоҳ дошта мешаванд*. Дар ин ҳаёт ворис метавонад пеш аз тақсими мерос бимирад. Аммо худи ҳамон файзе ки мероси осмониро нигоҳдорӣ мекунад, моро чун ворисон барои ба мерос гирифтани он нигоҳ медорад. Одамоне ки аз тарафи Худо интихоб шудаанд, ҳеҷ гоҳ ноумед намешаванд. Онҳое ки пеш аз офариниши олам интихоб шудаанд, дар замон наҷот меёбанд ва барои абадияти оянда нигоҳ дошта мешаванд. Онҳое ки ба Масеҳ имон доранд, дар бехатарии абадӣ мебошанд.

Аммо ҷиҳатҳои ҳам инсонӣ ва ҳам илоҳии бехатарии ҷовидонӣ ҳастанд. Мо *бо қуввати Худо барои наҷот нигоҳ дошта мешавем,* ва ин ҷиҳати илоҳӣ мебошад, аммо танҳо *ба воситаи имон,* ки он ҷиҳати инсонӣ аст. Ин маънои онро надорад, ки одам фақат то он даме ки имон дорад, наҷот ёфтааст. Он ҷое ки *имони* ҳақиқӣ ҳаст, тағйирнопазирӣ низ ҳаст. Ба имони наҷотдиҳанда ҳамеша доимият хос аст.

Фарзанди Худо *бо қуввати Худо ... нигоҳ дошта мешавад барои наҷоте ки муҳайё шудааст, то ки дар замони охир ба зуҳур ояд.* Ин ба наҷот дар оянда дахл дорад. Бисёр зикр шуда буд, ки се вақти наҷот ҳаст. 1) Масеҳӣ аз айби гуноҳ дар лаҳзае наҷот меёбад, ки бори аввал ба Наҷотдиҳанда боварӣ кард (Эфс. 2,8). 2) Вай ҳар рӯз аз ҳукми гуноҳ наҷот меёбад, чунки ба Наҷотдиҳанда имкон медиҳад, ки дар ҳаёти вай амал кунад (Рум. 5,10). 3) Вай ҳангоми ба осмон гирифта шудан наҷот меёбад (Ибр. 9,28). Бадани вай дигаргун шуда, ҷалол меёбад ва ҷовидона аз гуноҳ, бемориҳо ва марг озод мешавад. Ин замониояндаи наҷот воқеаеро низ дар бар мегирад, ки муқаддасон ҳамроҳи Масеҳ ба замин бармегарданд ва ҳама возеҳан мебинанд, ки онҳо фарзандони Худоянд (1Юҳ. 3,2).

**1,6** Имондорон ба шарофати умед ба наҷоти бадан ва мероси пурҷалол ҳатто дар миёни *озмоишҳо шодӣ* карда метавонанд. Масеҳиёне ки Петрус ба онҳо муроҷиат мекард, барои шаҳодат додан оид ба Масеҳ дучори таъқибот мешуданд. Петрус ба онҳо оид ба яке аз парадоксҳои ҷозиби масеҳият шодӣ дар миёни андӯҳҳо ёдрас мекунад. Аз як тараф, онҳо метавонанд бо донистани он *шодӣ кунанд,* ки андак андӯҳгин хоҳанд буд, дар ҳоле ки ҷалол ҷовидонӣ хоҳад буд (ниг. 2Қур. 4,17). Суханонро оид ба шодӣ дар миёни андӯҳҳое ки аз боиси озмоишҳои зиёд рух додаанд, тафсир намуда, Ҷ. Д. Ҷоветт навишта буд: «Ман дар чунин биёбони ноумедкунанда тамоман интизори пайдо кардани сарчашмае набудам».

**1,7** Муқаддасони азобкашанда бо донистани он тасалло меёбанд, ки азобҳои онҳо бемақсад ва бенатиҷа нестанд. Азобҳои исёнкорон танҳо муқаддимаи азобҳои ҷовидонаи онҳо дар дӯзах мебошанд. Аммо ба масеҳӣ ин таҳдид намекунад. Дар ҳаёти фарзандони Худо андӯҳҳо бисёр мақсадҳои хуштаъсир ва судманд доранд, ки яке аз онҳо – санҷидани *холис* будани *имон* аст. Петрус имони моро ба *тилло* муқобил мегузорад. Аз ҳамаи моддаҳое ки ба одам маълуманд, тилло яке аз устувортаринҳост. Онро бо шиддат гарм кардан мумкин аст, ва он вайроннашаванда метобад. Аммо ҳақиқат он аст, ки тилло ҳангоми истифода, дар зери фишор ва дар оташ *фонӣ мебошад.*

*Имони* ҳақиқӣ вайроннашаванда аст. Имондор метавонад дучори азсаргузарониҳо ва озмоишҳои ҷиддӣ шавад, аммо онҳо имони ӯро хароб намекунанд, балки барои он заминаи ғизогирӣ мешаванд. Шояд ба Айюб нисбат ба он чи ҳар гуна одаме дар таърихи олам аз сар гузаронидааст, маҳрумиятҳои бештаре дар як рӯз фурӯ рехтанд, аммо бо вуҷуди он вай метавонист чунин гӯяд: «Инак, маро қатл кунад ҳам, ба Ӯ умед хоҳам баст» (Айюб 13,15). Се ҷавон дар кӯраи бобилӣ ба маънои таҳтуллафзӣ *дар оташ озмуда* шуданд. Оташ ҳаққонияти имони онҳоро исбот кард. Он ҳамчунин ресмонҳоеро, ки онҳоро дар банд нигоҳ медоштанд, нобуд кард, ва онҳо аз бандҳо озод шуданд (Дон. 3,12-30). Дар лаҳзаи озмоиш бо оташ онҳо ҳамроҳи «марди ба писари Худо монанд» буданд. *Холис* будани *имон*

метавонад танҳо ба воситаи *оташ* озмуда шавад. Ҳангоме ки вазъият мусоидат мекунад, масеҳӣ будан осон аст. Аммо ҳангоме ки пайравии ошкорои Масеҳ боиси таъқибот ва азобҳо мешавад, пайравони номниҳод ба каноре рафта, дар байни издиҳом нопадид мешаванд. Дине ки аз мо чизеро талаб намекунад, сазовори чизе нест. Имоне ки аз чизе даст кашидан намехоҳад, самимӣ нест. Ин гуна имон дар суханро Яъқуб маҳкум мекунад.

*Имони* ҳақиқӣ боиси *ситоиш ва иззат ва ҷалол ҳангоми зоҳир шудани Исои Масеҳ* мегардад. Ин маънои онро дорад, ки Худо ба ҳар як масеҳии дар озмоишҳо устувор мукофот медиҳад. Ӯ онҳоеро *ҳамд* мегӯяд, ки шодӣ мекарданд, агарчи дар иҳотаи нохушиҳо буданд. Ӯ имондоронеро, ки ба таъқибот ва азобҳо дучор шудаанд, аммо ҳамаи мусибатҳоро чун ифодаи боварии Ӯ ба онҳо қабул кардаанд, сазовори *иззат ва ҷалол* хоҳад кард.

Ҳама бо чашмони худ мебинанд, ки чӣ гуна Исои Масеҳ ба замин бармегардад, то чун Шоҳи шоҳон ва Худованди ҳукмронон подшоҳӣ кунад, ва ҳамаи онҳое ки ҷаҳон онҳоро рад кардааст, равшан хоҳанд дид, ки онҳо писарони Худоянд. Аз Навиштаи Муқаддас мо медонем, ки мукофотҳо дар пеши Курсии Доварии Масеҳ, дар осмонҳо, баъди ба осмон гирифта шудан эълон карда мешаванд. Аммо намоиши ин мукофотҳо, аз афташ, ҳангоми омадани дуюми Масеҳ воқеъ мешавад.

**1,8** Акнун Петрус шодии ҳозираи наҷоти мо – Масеҳи бо имон қабулшударо – муҳокима мекунад. Агарчи мо Ӯро бо чашмони Худ ҳеҷ гоҳ *надидаем,* Ӯро *дӯст медорем*[2] *Ва агарчи Ӯро ҳанӯз надидаем,* ба ҳар ҳол ба Ӯ имон дорем. Маҳз ҳамин тавр мо камоли хушбахтиеро, ки Исо дар суҳбат бо Тумо зикр кард, ба даст меорем: «Хушо касоне ки надида, имон меоваранд» (Юҳ. 20,29).

Вилям Линколн менависад:

*Одамон оид ба муҳаббат бисёр гап мезананд, аммо санҷиши ҳақиқии муҳаббат ба Худо ва Масеҳ ин аст, ки дар озмоиш чунин гӯем: «Барои аз даст надодани пуштибонӣ ва мадади Худо ман назар ба андӯҳгин сохтани Ӯ беҳтараш азоб мекашам». Муҳаббат бо пораи нон ва ҳусни таваҷҷуҳи Худо қаноат мекунад, назар ба ин ки дар ҷаҳон бе ҳусни таваҷҷуҳи Худо вазъи иҷтимоии баланд ва маъруфият дошта бошад. Ҳамаи фарзандони ҳақиқии Худо аз ҳамин гуна санҷишҳо мегузаранд; санҷиш гандумро аз алафҳои бегона ҷудо мекунад. Санҷиш бо оташ ва покшавӣ аз ғашҳо имкон медиҳад, ки тилло дар шакли холис ба дастояд.*[3]

*Ба Ӯ имон* оварда, мо *бо шодмонии васфнопазир ва пур аз ҷалол шодӣ* мекунем. Бо имон ҳамроҳи Ӯ будан – яъне бо сарчашмаи ҳама гуна *шодӣ* робитаи муттасил, ҷовидон доштан аст. Шодии масеҳӣ на ба шароити заминӣ, балки ба Масеҳи зиндашуда ва болобардоршуда вобаста аст, ки дар тарафи рости Худо нишастааст. Шахси муқаддасро аз шодияш маҳрум кардан имкон надорад, чунки Масеҳро аз ҷои ҷалолаш барканор кардан ғайриимкон аст. Ин ва он бо ҳам вобастаанд.

**1,9** Сипас Петрус натиҷаи имонро дар замони ҳозира аз назар мегузаронад – *наҷоти* ҷонҳо. Наҷоти бадан – ҳанӯз дар оянда аст; он ҳамон вақте ба амал меояд, ки Масеҳ барои муқаддасони Худ меояд. Аммо ҳамин ки мо бо имон ба Масеҳ таваккал мекунем, наҷоти ҷонҳои худро ба даст меоварем. Калимаи «ҷон» ин ҷо на ба бадан, балки ба ҷиҳати ғайримоддии одам, ба шахсияти вай дахл дорад. Ҳангоми марг маҳз ҷон аз бадан ҷудо мешавад. Дар ҳолати додашуда он рӯҳро дар бар мегирад, ки ба воситаи он мо Худоро мешиносем. Ҷон дар лаҳзаи аз олами боло зода шудан наҷот меёбад.

**1,10** *Ҳамин наҷот* мавзуи бисёр пайғамбарони Аҳди Қадим буд. Хабаррасонҳои кадимии Худо пешгӯӣ мекарданд, ки мо ҳусни таваҷҷуҳеро ба даст меоварем, ки сазовори он нестем. Аммо онҳо то охир намефаҳмиданд, ки оид ба чӣ менависанд (ниг. Дон. 12,8).

**1,11** Онҳо: 1) Кӣ будани ин Шахсиятеро, ки чун Масеҳ меояд; ва 2) *замони* пайдо шудани Ӯро аниқ намефаҳмиданд. Аз рӯҳи Худо илҳом гирифта, онҳо *азобҳои* Масеҳро *ва ҷалолеро, ки баъд аз он фаро мерасад,* пешгӯӣ мекарданд. Аммо онҳо намефаҳмиданд, ки ин ду воқеа дар ҳадди ақалл ба муддати 1900 сол аз ҳам ҷудо хоҳанд буд. Чунон ки бисёр вақт тасвир карда мешуд, онҳо ду қуллаи кӯҳиро медиданд: (а) Ҷолҷолторо, ки он ҷо Исо азоб кашида буд, ва (б) кӯҳи Зайтунро, ки Ӯ ба он ҷо дар ҷалол хоҳад баргашт. Аммо онҳо водии байни ин ду қулларо, яъне давраи ҳозираи файзро надида буданд; акнун мо назар ба онҳо дар дурнамои равшантаре ҳар ду воқеаро дида

метавонем, ки яке аз онҳо ба гузашта дахл дорад, дигаре – ҳанӯз ба оянда.

**1,12** Рӯҳи Худо ба таври муъҷизавӣ ба онҳо *ошкор* кард, ки онҳо ба наслҳои ҳанӯз зоданашуда хизмат мекунанд. Агарчи суханони пайғамбарон барои насли худи онҳо маъно доштанд, онҳо медонистанд, ки маънои пурраи пайғамбариҳо бо воқеаҳои он рӯзҳо маҳдуд намешавад.

Табиист, ки саволҳо пайдо мешаванд. Наход пайғамбарони Аҳди Қадим ҳақиқати сафедшавӣ бо имонро намедонистанд? Чӣ гуна онҳо ҳақиқатро оид ба наҷоти мо намефаҳмиданд? Ба кадом маъно онҳо *на ба худашон, балки бештар ба мо* хизмат кардаанд?

Вилям Линколн мегӯяд:

*Фаровонии файз то омадани Масеҳ фурӯ рехта наметавонист. Худо гуноҳкоронро наҷот дода метавонист ва ҳақиқатан наҷот медод ва онҳоро ба осмон мегирифт, масалан Ҳанӯхро, аммо ягонагӣ бо Масеҳ ва ҳамаи он чи ин ягонагӣ дар назар дорад, танҳо пас аз марги Масеҳ амалӣ шуда метавонист. Оҳ, Худо аз дидани иззату икроми беҳисоб, ки нисбати Писари Ӯ арз мешавад, беҳад шодмонӣ мекунад!*[4]

Он чи барои пайғамбарон дар паси парда буд, акнун аён мешавад. Дар рӯзи Пантикост аз осмон Рӯҳулқудс фуруд омад. Ӯ расулонро ваколатдор намуд, ки Хушхабарро оид ба он ки Исои Носирӣ Масеҳи ваъдашуда аст, ва Ӯ барои гуноҳҳои одамон мурд, дафн карда шуд ва дар рӯзи сеюм зинда шуд, мавъиза кунанд. Онҳо эълон мекарданд, ки дар давраи файз мақсади Худо аз халқҳои гуногун одамонро ба номи Ӯ ҷамъ кардан аст, ва мегуфтанд, ки замоне Худованд Исо ба замин бармегардад, то ки чӯбдасти ҳукмронии ҷаҳонро ба дасташ гирад.

Имтиёзи бузургтарини имондорони давраи Аҳди Нав на танҳо дар он зоҳир мешавад, ки онҳо он чиро, ки барои пайғамбарон пӯшида буд, равшан мефаҳманд, балки ҳамчунин дар он аст, ки *фариштаҳо* низ *мехоҳанд андаруни* ин ҳақиқатҳои наҷот *назар андозанд. Фариштаҳо* дар Аҳди Нав ҳамон гуна ҷои намоёнеро ишғол мекунанд, ки дар Аҳди Қадим доштанд. Онҳо дар робита бо зодашавии Масеҳ, озмуда шудани Ӯ, азобҳои рӯҳии Ӯ дар Ҷатсимонӣ ва растохези Ӯ зикр шудаанд. Аммо, он қадаре ки мо медонем, барои фариштаҳои афтода ҳеҷ бахшидашавӣ нест. Масеҳ на барои ҳимояи фариштаҳо, балки барои авлодони Иброҳим омад (Ибр. 2,16). Калисо барои фариштаҳо намунаи аёнист, чунки ҳикмати гуногуншакли Худоро нишон медиҳад (Эфс. 3,10). Аммо ба онҳо дарки он шодие ки наҷот ба мо меорад, дода нашудааст.

## В. Рафтори масеҳӣ дар партави мавқеаш (1,13–2,3)

**1,13** Аз ин оят сар карда гузоштани задаҳои мантиқӣ дигар мешавад. Петрус ҷалоли наҷоти моро тасвир мекард. Акнун вай як қатор насиҳатҳо медиҳад, ки дар маводи зикршуда асос ёфтаанд. Ҷоветт мегӯяд: «Ин даъват дар мавъизаи пешакии Хушхабар асос ёфтааст ... Водоркунандаи рӯҳонӣ аз боиси қувваи ҳаракатдиҳандаи фактҳои азим аст. Ҷараёни инкишофи ин вазифа дар қалби Хушхабар тавлид шудааст».[5]

Пеш аз ҳама, Петрус ба муқаддасон бо исрор маслиҳат медиҳад, ки *«камари ақли худро»* банданд. Бастани камари *ақл* – маҷози адабии ҷолиб аст. Дар кишварҳои шарқӣ одамон либосҳои дароз мепӯшиданд, ки чинҳои озодашон рост мефаромаданд. Ҳангоме ки онҳо тез ё бо мамониатҳои камтар ҳаракат карданӣ мешуданд, либосашонро бо миёнбанд мебастанд (ниг. Хур. 12,11). Ҳамин тариқ онҳо камари худро мебастанд. Аммо *камари ақли худро бандед* гуфта, Петрус чиро дар назар дорад? Дар ҷаҳони мухолиф ҳаракат карда, имондорон бояд аз воҳима ва парешонхотирӣ канорагирӣ кунанд. Дар давраҳои таъқибот ҳамеша имкони ошуфта шудан ё ба ҳаяҷон омадан ҳаст. Камари бастаи ақл ба одамони боқувват, ором, хунсард ва ба амал тайёр хос аст. Ин гуна одамон аз тарси инсонӣ дар назди таъқибот озоданд.

Сипас ин ҳолати босаранҷомии фикрӣ бо калимаи *«ҳушёр шавед»* ҳавасманд карда мешавад. Яъне бар акси воҳима ва асабоният худдориро нигоҳ доред. Рӯҳи *ҳушёр* муътадил ва устувор аст.

Сипас ба муқаддасон бо исрор маслиҳат дода мешавад, ки зиндадилиро нигоҳ доранд ва ба оянда бо умед нигоҳ кунанд: *ба файзе ки ҳангоми зоҳир шудани Исои Масеҳ ба шумо бахшида мешавад, комилан умедвор бошед.* Боварӣ ба бозомадани Масеҳ ба мо чун асоси

устувор дода шудааст, ки имкон медиҳад дар миёни ҳамаи ошуфтагиҳо ва тирарӯзиҳои ҳаёт то охир истодагарӣ кунем. Чунин ҳисобида мешавад, ки *зоҳир шудани Исои Масеҳ* ба бозомадани пурҷалоли Ӯ ба замин дахл дорад. Аммо он ҳамчунин метавонад дахлдори ба осмон гирифта шудан бошад, ҳангоме ки Масеҳ баҳри муқаддасони Худ меояд.

**1,14** Дар оятҳои 14-16 сухан дар бораи самти *фармонбардоронаи* фикрҳо меравад. *Бачаҳои фармонбардор* набояд гуноҳҳоеро кунанд, ки дар ҳаёти гузашта ба онҳо хос буданд. Акнун, чун масеҳиён, онҳо бояд ба Оне тақлид кунанд, ки номашро доранд. Агар онҳо бо ҷаҳони бехудо мувофиқ шаванд, онҳо табиати осмонии худро инкор мекунанд. Он чиро, ки онҳо дар рӯзҳои *нодонӣ* мекарданд, акнун бояд тарк кард, чунки онҳо аз ҷониби Рӯҳулқудс пок гардонда шудаанд. *Ҳавасҳои пештара* гуноҳҳое мебошанд, ки ин одамон дар замони ҳанӯз Худоро надонистанашон содир мекарданд.

**1,15** Ба ҷои тақлид ба ҷаҳони бехудо бо шавқу завқ ва мӯдҳои гузарандаи он, ҳаёти мо бояд хислати *муқаддаси* Онеро ҳосил намояд, ки моро даъват кардааст. Тақводор будан монанди Худо будан аст. Худо дар ҳама чиз қуддус аст. Барои ба Ӯ монанд шудан мо бояд дар ҳамаи он чи мекунем ва мегӯем, муқаддас бошем. Дар ин ҳаёт мо ҳеҷ гоҳ чун Ӯ қуддус намешавем, аммо мо бояд муқаддас бошем, чунки Ӯ қуддус.

**1,16** Барои тасдиқи он ки Худо аз халқи Худ интизори монандӣ ба Ӯст, Петрус ба ақиб, ба Аҳди Қадим бармегардад. Дар Ибодат 11,44 Худо гуфтааст: *«Муқаддас бошед, чунки ман қуддус ҳастам»*. Масеҳиён даъват шудаанд, то ба воситаи қуввати Рӯҳулқудс, ки дар онҳо сокин аст, пок зиндагӣ кунанд. Муқаддасони Аҳди Қадим ин ёрӣ ва баракатро надоштанд. Мо дар вазъи бештар имтиёзнок ҳастем, пас мо ҳамчунин масъулияти бештаре дорем. Ояте ки Петрус аз китоби Ибодат иқтибос овард, дар Аҳди Нав маънои нав, амиқтар пайдо мекунад. Он дар фарқи байни чизҳои расмӣ ва ҳаётист. Дар Аҳди Қадим покӣ идеали Худо буд. Аммо танҳо бо омадани рӯҳи ҳақиқат он сифати мушаххас, ҳаррӯзаро қабул кард.

**1,17** Мо на танҳо ба покӣ, балки ҳамчунин ба боҳурмат будан, яъне *тарси* эҳтиромона, дарки амиқи Кӣ будани Худо даъват шудаем. Мо бояд махсусан дарк намоем, ки Оне ки мо ба Ӯ чун ба *Падар* муроҷиат мекунем, фарзандони Худро бе рӯйбинӣ *аз рӯи амалашон доварӣ мекунад.* Бо дарки он ки дониши Ӯ пурра ва доварияш дуруст аст, мо бояд боандеша зиндагӣ кунем ва аз норозӣ кардани Ӯ тарсем. *Падар* онҳоеро *доварӣ мекунад,* ки дар ин ҳаёт ба Ӯ тааллуқ доранд; тамоми довариро бар гуноҳкорон Ӯ ба Худованд Исо додааст (Юҳ. 5,22).

Линколн менависад: «Ӯ мушоҳида мекунад, Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки мақсадҳояшон пок, фикрҳояшон оқилона ва дилашон хоҳони писанди Ӯ шудан аст, фаромӯш намекунад».[6]

Мо бояд *замони ғурбати худро* дар замин *бо худотарсӣ* гузаронем. Ин ҷаҳон барои масеҳиён хона нест. Мо дар кишвари бегона, ки аз осмон дур аст, зиндагӣ мекунем. Мо набояд дар ин ҷо чунон маскан гирем, ки гӯё ин манзили доимии мо бошад. Ҳамчунин мо набояд ба рафтори сокинони замин тақлид кунем. Мо бояд ҳамеша ватани осмонии худро дар хотир дошта бошем ва чун шаҳрвандони осмон рафтор кунем.

**1,18** То тавба карданашон имондорон аз одамони сокини ҷаҳон фарқ намекарданд. Гуфтор ва рафтори онҳо чун аз они одамони атрофашон ҳеҷу пуч ва бемаъно буданд. Рӯзҳои дар дурӣ аз Худо гузаронда чун *«зиндагии ҳеҷу пуч, ки аз падарони худ мерос гирифтаед»* тасвир шудаанд. Аммо барои бозхарид намудани онҳо аз он мавҷудияти бефоида нархи гароне пардохта шудааст. Онҳо аз тақлиди ғуломона ба ҷаҳон бо пардохти фидияи азим наҷот дода шудаанд. Пас барои озодии қурбониҳои дуздидашуда чӣ пардохта шуда буд: *нуқра ё тилло* (ниг. Ҳас. 30,15)?

**1,19** Не, онҳо *бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ,* ки ба хуни *барраи* беайб ва пок шабоҳат дода шуда буд, харида шуда буданд. Масеҳ *барраи беайб ва пок* аст. Ӯ ҳам аз дарун ва ҳам аз берун мутлақо комил аст. Агар имондор ягон вақт ба васвасае дода шавад, ки ба ҳаловатҳо ва вақтхушиҳои дунявӣ бозгардад, одатҳо ва меъёрҳои рафтори дунявиро қабул кунад, ба ҷаҳоне ки бо роҳҳои нодуруст меравад, монанд шудан хоҳад, бигузор Масеҳро ба ёд оварад, ки Хуни Худро барои аз ин гуна зиндагӣ озод кардани вай рехтааст. Ба ҷаҳон бозгаштан – яъне партгоҳи бетагро, ки бар болои он кӯпруки ниҳоят гаронбаҳое бунёд шуда буд, ба сӯи

ақиб тай намудан аст. Зиёда аз ин, бозгашт ба ҷаҳон – дидаву dониста ба Наҷотдиҳанда хиёнат кардан аст.

«Аз бузургии қурбонӣ оид ба бузургии гуноҳ хулоса бароред. Сипас қарор диҳед, ки бо он, чи нархи ҷони Наҷотдиҳандаро талаб кард, дигар ҳеҷ коре надоред».

**1,20** Наҷоте ки Масеҳ барои мо ба ҷо овард, фикри дермондае дар нақшаи Худо набуд. Наҷотдиҳандае ки мебоист барои мо мемурд, *пеш аз бунёдшавии ҷаҳон пешбинӣ шуда буд. Лекин дар замонҳои охир,* яъне дар охири давраи шариат Ӯ аз осмон омад, то моро аз роҳҳои пештараи ҳаёт наҷот диҳад. Линколн тафсир мекунад: «Дар ин замони охир таърихи ахлоқии ҷаҳонӣ дар салиби Масеҳ итмом ёфт. Он худро тамоман ошкор кард ва дар назди Худо ба анҷоми худ расид».[7]

Аҳамияти аз низоми ҷаҳонӣ пурра ҷудо шуданро ба мо амиқтар фаҳмонданӣ шуда, Петрус таъкид мекунад, ки Масеҳ мурд, то моро аз он озод кунад. Мо дар ҷаҳон зиндагӣ мекунем, аммо мо аз они он нестем. Аммо мо набояд аз одамони аз олами боло зоданашуда канорагирӣ кунем, аниқтараш, мо бояд ба онҳо Хушхабарро расонем. Аммо, бо онҳо муошират намуда, мо ба ҳеҷ ваҷҳ набояд дар гуноҳҳои онҳо иштирок кунем ва ба онҳо мусоҳилакорӣ намоем. Мо бояд дар мисоли ҳаёти худ нишон диҳем, ки мо фарзандони Худо ҳастем. Агар мо ба ин ҷаҳон монанд шавем, шаҳодати мо суст мешавад. Одамони дунявӣ ҳама гуна хоҳиши имондор шуданро гум мекунанд, агар фарқеро набинанд – тағйиротро ба сӯи беҳбудӣ дар ҳаёти мо.

**1,21** Садоқатро ба Худованд Исо нигоҳ доштан лозим аст, чунки танҳо *ба воситаи Ӯ* мо *ба Худо имон овардаем.* Маҳз Ӯ ба мо дили Падарро кушод. Чунон ки В. Т. П. Волстон мегӯяд: «Одам Худоро на ба воситаи офариниш, пешбинӣ ва шариат, балки ба воситаи Масеҳ шинохт».[8] Падар Ӯро *аз мурдагон бархезонд* ва ба Ӯ ҷои *ҷалоли* олитаринро дар осмон *бахшида,* тасдиқ кард, ки аз кори наҷотдиҳандаи Масеҳ пурра қаноатманд аст. Дар натиҷаи ҳамаи ин мо *ба Худо имон ва умед* дорем. Мо на дар низоми бади ҳозираи ҷаҳон, балки маҳз дар Ӯ зиндагӣ мекунем, ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем.

**1,22** Акнун расул хонандагонро бо исрор насиҳат медиҳад, ки пурмуҳаббат бошанд (1,22-2,3). Аввал вай зода шудан аз олами болоро тасвир мекунад ва ишорат мекунад, ки яке аз дигаргуниҳое ки пас аз он меоянд, *бародардӯстӣ* мебошад (1,22). Сипас вай боз исрор менамояд, ки дӯст доштан уҳдадориест (1,22). Боз вай ба зода шудан аз олами боло бармегардад ва ба тухме ишорат мекунад, ки аз он ин ҳаёти нав рӯидааст, – ба Каломи Худо (1,23-25). Боз як бор вай уҳдадориеро таъкид мекунад, ки бар қабулкардагони Калом вогузор шудааст (2,1-3).

Дар ояти 22 Петрус пеш аз ҳама зодашавии навро тасвир мекунад: *ҷонҳои худро ... пок карда.* Мо, албатта, мефаҳмем, ки ҳангоме мо наҷот ба даст меоварем, маҳз Худо ҷонҳои моро пок мекунад; мо ба маънои аслӣ барои пок кардани худ қуввате надорем. Аммо, мувофиқи ин ифода, онҳое ки покшавиро аз сар гузарондаанд, онро аз рӯи имон гирифта ҳисоб мешаванд.

Воситае ки дар ин покшавӣ истифода мешавад, – *итоати ростист.* Бори дуюм Петрус имони наҷотдиҳандаро чун амали итоат тасвир мекунад (ниг. 1,2). Дар Румиён Павлус ду бор ибораи «итоати имон»-ро ба кор мебарад. Мо дар фикрронихои худ набояд имонро аз итоат ҷудо карданӣ шавем. Имони ҳақиқӣ – имони фармонбардор аст. Итоат танҳо *ба воситаи Рӯҳ* амалӣ шуда метавонад.[9]

Яке аз мақсадҳои зода шудан аз олами боло – *бародардӯстии бе дурӯягӣ* аст. Ба маънои ниҳоят мушаххас мо барои он наҷот ёфтаем, ки дигар масеҳиёнро дӯст дорем. Ба шарофати ин муҳаббат мо медонем, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаем (1Юҳ. 3,14); зоҳиршавии ин муҳаббатро дида, ҷаҳон медонад, ки мо шогирдони Худованд Исо ҳастем (Юҳ. 13,35).

Даъвати *доимо якдигарро аз самими қалб дӯст доштан* хеле табиӣ садо медиҳад. Ин яке аз бисёр ҷойҳое дар Инҷил аст, ки тасдиқоти ҳикоягӣ барои амр асос мешавад. Баён ин аст: *Чун ҷонҳои худро ... барои бародардӯстии бериё пок кардаед* ... Сипас амр меояд: *доимо якдигарро аз таҳти дил дӯст доред.* Мавқеъ барои амалиёт асос мешавад. Муҳаббати мо бояд гарму ҷӯшон, самимӣ, қавӣ, ҷиддӣ, доимӣ ва *пок* бошад.

Насиҳати боисрори якдигарро дӯст доштан махсусан барои одамоне саридарвақт аст, ки таъқиботро аз сар мегузаронанд, чунки

«дар шароити вазнин ихтилофоти ночиз то андозаҳои азим калон мешаванд».

**1,23** Боз Петрус хонандагонро ба зодашавии нави онҳо бармегардонад, ин дафъа ба тухми ин зодашавӣ – *Каломи Худо*. Насиҳатҳои дар 2,1-3 баёншуда бар он асос хоҳанд ёфт.

Аз олами боло зода шудан на аз *тухми нобудшаванда* ба амал омадааст, яъне на чун зода шудани табиӣ. Ҳаёти одамӣ аз тухме пайдо мешавад, ки ба қонунҳои табиии фаношавӣ ва марг тобеъ аст. Ҳаёти табиии пайдошуда ҳамон хосиятҳои тухмеро, ки аз он пайдо шудааст, дорад; он низ хусусияти муваққатӣ дорад.

Аз олами боло зода шудан аз *Каломи Худо* ба амал меояд. Навиштаи Муқаддасро шунида ва хонда, одамон худро дар гуноҳҳо маҳкум мекунанд, боварӣ ҳосил мекунанд, ки Масеҳ Наҷотдиҳандаи ягона ва кофӣ аст, ва ба сӯи Худо бозгашт мекунанд. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ бе ин ва ё он амали Каломи фасоднопазири Худо наҷот намеёбад.

Семюэл Ридаут дар «Навиштаи Муқаддаси рақамҳо» зикр мекунад:

*Дар боби якум мо оид ба се чизи нобуднашаванда мехонем – мероси нобуднашаванда (о. 4), наҷоти нобуднашаванда (о. 18.19), ва Каломи нобуднашаванда, ки мо ба воситаи он аз нав таваллуд шудаем (о. 23). Ҳамин тариқ, мо дар асоси наҷот табиати бенуқсон дорем, ки метавонад барои мероси беайби арзишашро ҳеҷ гоҳ гум намекарда шодӣ кунад. Чӣ муҳри камолоти ҷовидонӣ бар ҳамаи он аст, ва чӣ ҳамсафари мувофиқ бо он зебоии нобуднашавандаи рӯҳи ҳалиму сокит (3,4)!*[10]

Калом *зинда аст ва то абад боқист.*[11] Осмон ва замин гузарон ҳастанд, аммо он ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Он абадан дар осмон хоҳад буд. Ва ҳаёте ки Ӯ ато мекунад, ҳамчунин абадист. Онҳое ки ба воситаи Калом аз нав зода шудаанд, табиати абадии Каломро дар бар мекунанд.

Ҳангоми зода шудани одам тухме (нутфае) ки кӯдак аз он инкишоф меёбад, тамоми хусусиятҳои хоси ӯро дар ҳолати ҷанинӣ дорад. Дар оянда чӣ хел шудани кӯдакро тухм (нутфа) муайян мекунад. Дар ҳолати додашуда донистани мо кофист, ки тухм ҷовидонӣ нест, он фонӣ аст, пас ҳаёте ки аз он пайдо мешавад, ҳамчунин фонист.

**1,24** Доимӣ набудани одам бо иқтибос аз Ишаъё 40,6.7 таъкид карда шудааст. Ҳаёти одамӣ *ба мисли алаф* муваққатист. Зебоии ҷисмонӣ чун ҳаёти гулҳои саҳрой зудгузар аст. *Алаф хушк мешавад,* ва гулҳо хазон шуда мемиранд.

**1,25** Баръакс, *Каломи Худованд то абад боқист* (Иш. 40,8). Бинобар ин ҳаёти нави имондор ҳамчунин бефано аст. Ин Каломи бефано паёми Хушхабар аст, ки ба хонандагони Петрус *мавъиза шудааст* ва боиси аз нав зода шудани онҳо гардидааст. Он сарчашмаи ҳаёти абадии онҳо шудааст.

**2,1** Азбаски масеҳиён шарикони ҳаёти илоҳӣ ҳастанд, онҳо бояд як бор ва барои ҳамеша аз амалҳои зерини бемуҳаббат даст кашанд:

*Кина* – бар зидди каси дигар фикрҳои бад парваридан. *Кина* душманиро мепарварад, ранҷишро ҷамъ мекунад ва пинҳонӣ умед мекунад, ки дигарӣ ҳадафи қасос, зарар ё фоҷиае мегардад. Ҷорҷ Вашингтон Карверро ба донишгоҳ қабул накарданд, чунки вай сиёҳпӯст буд. Баъди солҳои зиёд, вақте касе аз вай номбар кардани он донишгоҳро хоҳиш кард, вай гуфт: «Намеарзад. Акнун ин ягон аҳамияте надорад». Карвер бар зидди онҳое ки ӯро ранҷонда буданд, кинае дар дил надошт.

*Фиреб* – бевиҷдонӣ ва дурӯғгӯӣ (чӣ шаклҳои гуногунеро он ба худ мегирад!). Фиреб пардохти андозҳо аз даромадро сохтакорӣ мекунад, дар имтиҳонҳо фиреб медиҳад, синну солро пинҳон медорад, ба шахсони вазифадор пора медиҳад ва дар соҳибкорӣ қаллобӣ мекунад.

*Дурӯягӣ* – самимӣ набудан, вонамуд кардан, фиреб. Дурӯя – ҳунарпешаест дар пйеса, ки нақши касеро мебозад. Вай вонамуд мекунад, ки дар оиладорӣ хушбахт аст, дар ҳоле ки хонаи вай майдони ҳақиқии муҳориба аст. Вай рӯзҳои якшанбе намуди рӯҳонӣ мегирад, дар рӯзҳои дигар бошад ба ҳавасҳои ҷисмонии худ озодӣ медиҳад. Вай вонамуд мекунад, ки ба дигарон таваҷҷӯҳ дорад, дар ҳоле ки хоҳишҳояш худпарастонаанд.

*Ҳасад* – рашки рӯйрост. Вайн онро чун ҳисси ноқаноатмандӣ муайян мекунад, ки ҳангоми мушоҳидаи пешравии дигарон ё шунидани афзалиятҳои онҳо пайдо мешавад. Маҳз *ҳасад* саркоҳинонро водор намуд, ки Исоро барои қатл кардан ба дасти Пилотус супоранд (Мат. 27,18). *Ҳасад* қотил низ ҳаст. Занон метавонанд дигаронро барои хонаҳо ва боғҳои

беҳтар, либосҳои зеботар ва ё беҳтар хӯрок пухтанашон бад бинанд. Мард метавонад мошини нав ё хонаи калони шахсеро таъриф кунад, аммо дар айни замон фикр кунад: «Ман ба вай нишон медиҳам. Ман чизи беҳтаре хоҳам дошт».

*Ҳар бадгӯӣ* – туҳмат, ғайбати бадфикрона, айбдоркунии якдигар аст. Туҳмат кӯшиши оид ба шахсе бадгӯӣ карда, худро поктар нишон додан аст. Он шаклҳои нозукеро ба кор мебарад, ба монанди: «Ҳа, вай одами хуб аст, аммо як норасоӣ дорад», ва баъд корд ба тахтапушти вай халонда мешавад. Бадгӯӣ ҳатто ваҷоҳати диниро қабул карда метавонад: «Ман инро танҳо барои дастгирии дуоии ту зикр мекунам, лекин оё ту медонӣ, ки вай» – ва баъд тавсифи маҳвкунандаи шахс меояд.

Ҳамаи ин гуноҳҳо вайрон кардани ҳукми асосӣ аст: ёри худро ба монанди худ дӯст доштан. Ҳайратовар нест, ки Петрус ба мо маслиҳат медиҳад, то аз онҳо қатъиян даст кашем.

**2,2** Вазифаи дуюм, ки аз зодашавии дубораи мо бармеояд, аз он иборат аст, ки ташнагии рафънашавандаро ба *шири поки* рӯҳонии *калом* нигоҳ дорем. Гуноҳҳое ки дар ояти гузашта зикр шуданд, нашъунамои рӯҳониро бозмедоранд; Каломи неки Худо онро ғизо медиҳад.

Ифодаи *«чун кӯдакони навзод»* на ҳатман маънои онро дорад, ки хонандагони Петрус навимонон буданд; шояд онҳо чандин сол пеш назди Масеҳ омада буданд. Аммо, новобаста ба муддати зиёди дар имон буданашон, онҳо бояд чун кӯдаконе ки бе *шир* дод мегӯянд, ташнаи калом бошанд. Мо тасаввуротро оид ба ташнагии кӯдаки солим бо мушоҳидаи он ба даст меорем, ки чӣ тавр вай бесаброна, боисрор, бо қатъият рафтор мекунад, вақте модар ба вай сина мемаконад.

Ба шарофати *шири поки калом* имондор рӯҳан нашъунамо мекунад.[12] Мақсади ниҳоие ки тамоми нашъунамои рӯҳонӣ дар ин ҳаёт ба он равона карда шудааст, – мувофиқат ба тимсоли Худованди мо Исои Масеҳ аст.

**2,3** *Агар ҳақиқатан чашидаед, ки Худованд некӯст.* Чӣ ҳавасмандкунии азим барои ташнаи шири поки рӯҳонӣ! Калимаи *«агар» ҳеҷ* шубҳаеро роҳ намедиҳад; мо санҷидем ва дидем, ки Худованд некӯст (Заб. 33,9). Қурбонии Ӯ барои мо зуҳуроти некӯӣ ва одамдӯстии баённашаванда аст (Тит. 3,4). Мо аллакай чашидем, ки чӣ хел Ӯ некӯст, ва бинобар ин иштиҳои мо зиёдтар мешавад, то ки боз бештар аз Ӯ ғизо гирем. Ҳисси форами наздикӣ бо Ӯ бояд моро водор кунад, ки ҳатто аз фикри дур шудан аз Ӯ тарсем.

### Г. Имтиёзҳои масеҳӣ дар хонаи нав ва каҳонати нав (2,4-10)

**2,4** Акнун Петрус аз насиҳат ба муоинаи имтиёзҳои имондорон дар хонаи нав (Калисо) ва каҳонати нав мегузарад.

Мувофиқи тартиби нав, Масеҳ дар марказ аст, мо бошем *ба Ӯ* нигаронида шудаем. Петрус истилоҳоти сохтмончиёнро ба кор мебарад, бинобар ин ҳайрон намешавем, вақте мебинем, ки Худованд маҷозан чун *санг* нишон дода шудааст. Аввал Ӯ *санги зинда* аст, – на санги берӯҳ ё мурда, балки Оне ки ба ҳасби қуввати ҳаёти бепоён зиндагӣ мекунад (Ибр. 7,16).

Метавонад ғайриимкон намояд, ки одамон Ӯро *рад карданд.* Одамони паст, кӯтоҳандеш дар нақшаҳои ҳаётии бемаъно, худпарастона ва номукаммали худ барои Офаридгор ва Наҷотдиҳандаи худ ҷое пайдо намекунанд. Чунон ки барои Ӯ дар меҳмонхона ҷой ёфт нашуд, дар нақшаҳои ҳаётии онҳо низ барои Ӯ ҷой нест.

Аммо фикри одам нақше намебозад. Дар назари Худо Исои Масеҳ *интихобшуда ва гаронбаҳост.* Ӯ на танҳо чун санги мувофиқ, балки ҳамчунин чун санги зарурӣ интихобшуда аст. Ва арзиши Ӯ дар назди *Худо* беҳад бузург аст. Ӯ бе ягон шубҳа *гаронбаҳост.*

Агар мо дар нақшаи сохтмони Худо иштирок карданӣ бошем, бояд назди Масеҳ оем. Ягона чизе ки мо лоиқи он ҳастем, маводи сохтмон будан аст, ки танҳо дар натиҷаи якшавии мо бо Ӯ ҳосил мешавад. Мо аз он сабаб муҳим ҳастем, ки ба ҷалоли Ӯ ҳисса мегузорем.

**2,5** *Хонаи рӯҳонӣ* аз ҷониби ҳамае касоне ки ба Масеҳ имон доранд, бино карда мешавад, бинобар ин он бо Калисо як аст. Калисоро ба парастишгоҳи Аҳди Қадим монанд кардан мумкин аст, чунки он ҷои сукунати Худо дар замин аст (1Подш. 6,11-13; Эфс. 2,22). Аммо он аз бинои табиӣ, материалӣ, аз парастишгоҳе ки аз маводи зебо, аммо бебақо сохта

шудааст, фарқ мекунад. Калисо иншоотест, ки аз *сангҳои зинда* сохта шудааст.

Акнун сухани маҷозӣ аз *хонаи рӯҳонӣ* зуд ба *каҳонати муқаддас* мегузарад, ки дар алоқамандӣ бо хона амал мекунад. Имондорон на танҳо маводи сохтмонии зинда мебошанд, ки хона аз он бино карда мешавад; онҳо ҳамчунин коҳинони *муқаддас* ҳастанд. Мувофиқи шариати Мусо, каҳонат танҳо ба қабилаи Левӣ ва оилаи Ҳорун тааллуқ дошт. Ва ҳатто барои коҳинон ба ҳузури Худо даромадан мамнуъ буд. Танҳо саркоҳин ба он ҷо дар як сол як бор бо риояи расму қоидаи аниқ муқарраршуда, ки Худо барои ин маврид муқаррар карда буд, даромада метавонист (дар Рӯзи Кафорат, Йӯм Киппур).

Дар Давраи Нав тамоми имондорон коҳиноне ҳастанд, ки назди тахти Офаридгори олам ҳам рӯз ва ҳам шаб ворид шуда метавонанд. Ба вазифаҳои онҳо *тақдим кардани қурбониҳои рӯҳонӣ* дохил мешавад (бар акси қурбониҳои ҳайвонот, парандаҳо ва орд, ки шариати Мусо муқаррар намуда буд). Қурбониҳои рӯҳонии коҳини Аҳди Нав инҳоянд:

1. Тақдим намудани бадан чун қурбонии зинда, пок ва писандидаи Худо. Ин амали парастиши рӯҳонист (Рум. 12,1).
2. Қурбонии ҳамду сано, «яъне самараи лабҳое ки ба исми Ӯ ҳамду сано мехонанд» (Ибр. 13,15).
3. Қурбонии эҳсонкорӣ. «Инчунин инсондӯстӣ ва саховатро» аз хотир набароред, зеро ки ин гуна қурбониҳо ба Худо писанд меояд (Ибр. 13,16).
4. Қурбонии моликият ва ё пул. Ин қурбонӣ ҳамчунин ба Худованд писанд меояд (Фил. 4,18).
5. Қурбонии хизматгузорӣ. Павлус оид ба хизмати худ ба ғайрияҳудиён чун оид ба қурбонии коҳинӣ мегӯяд (Рум. 15,16). Ин гуна қурбониҳо *ба воситаи Исои Масеҳ писандидаи Худо* мебошанд. Мо танҳо *ба воситаи Исои Масеҳ,* Миёнарави худ, метавонем ба Худо наздик оем, ва фақат Ӯ қурбониҳои моро мавриди писанди Худо намуда метавонад. Ҳама чизе ки мо мекунем – парастиш ва хизмати мо, комил нест ва бо гуноҳ вайрон гаштааст. Аммо пеш аз он ки ба назди Падар расад, он ба воситаи Худованд Исо мегузарад. Ӯ ҳар гуноҳро дур мекунад, ва корҳои мо, ки ба назди Худо Падар мерасанд, пурра писандида мешаванд.

Саркоҳини Аҳди Қадим дар кулоҳи худ лавҳачаи тиллоиеро гирифта мегашт, ки дар он чунин суханон сабт шуда буданд: «МУҚАДДАС АСТ БАРОИ ХУДОВАНД» (Хур. 28,36). Ин барои он карда мешуд, ки ҳеҷ гуноҳе ба ҳадияҳои одамон ҳамроҳ нашавад (Хур. 28,38). Акнун бошад Саркоҳини мо ба хотири мо ин кулоҳро мепӯшад ва ҳар норасоии одамиро, ки дар ҳадияҳои мо буда метавонад, бартараф мекунад.

Каҳонати ҳамаи имондорон ҳақиқатест, ки онро бояд ҳамаи масеҳиён фаҳманд, ба он бовар кунанд ва хурсандона амалӣ кунанд. Дар айни замон аз он суиистифода кардан мумкин нест. Агарчи ҳамаи масеҳиён коҳинонанд, на ҳар коҳин ҳақ дорад, ки дар ҷамъомад мавъиза кунад ё таълим диҳад. Қоидаҳои муайянро риоя кардан лозим аст:

1. Ба зан иҷозат дода намешавад, ки таълим диҳад ё бар мард ҳукмрон шавад (1Тим. 2,12).
2. Мардоне ки мавъиза мекунанд, бояд чун хабаррасони Худо сухан гӯянд (1Пет. 4,11). Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд комилан боварӣ дошта бошанд, ки суханони маҳз барои ин мавриди махсус додаи Худоро мегӯянд.
3. Ҳамаи имондорон атои муайяне доранд, ба монанди он ки ҳар узви бадани одам вазифаи муайяне дорад (Рум. 12,6; 1Қур. 12,7). Аммо на ҳамаи атоҳо воизиро дар назди омма дар бар мегиранд. На ба ҳама атои махсуси хизмати муждабар, шубон ё муаллим дода шудааст (Эфс. 4,11).
4. Ҷавонмард бояд дар худ атои Худоро инкишоф диҳад (2Тим. 1,6). Агар ин ато воизӣ, таълим додан ё шакли дигари сухангӯӣ дар назди оммаро дар бар гирад, ба ин шахс имкони амалӣ кардани атои худро дар ҷамоат додан лозим аст.
5. Каҳонати имондорон дар амал дар 1Қуринтиён 14,26 нишон дода шудааст: «Пас, эй бародарон, бояд чӣ кард? Вақте ки шумо ҷамъ мешавед, ва ҳар яке аз шумо таронае аз Забур, ё насиҳате, ё забоне, ё ваҳйе, ё тафсире дорад, – бигзор ҳамааш барои обод кардан бошад».

Дар он боб воситаҳои боздоштан тасвир шудаанд, ки амалӣ кардани атоҳоро дар ҷамоат

маҳдуд мекунанд. Ин гуна чораҳо барои расонидани насиҳат ва таъмини тартибот дар ҷамоат имкон медиҳанд. Суиистифодаҳоро дар калисои маҳаллӣ бо каҳонати умумии имондорон сафед кардан мумкин нест.

**2,6** Ҳанӯз ҳам оид ба бино андеша карда, Петрус Масеҳро санг, бештар аз ин, *санги асосии гӯша* меномад. Ба Ишаъё 28,16 истинод намуда, вай нишон медиҳад, ки нақши Масеҳ чун *санги гӯша* дар Навиштаи Муқаддас пешгӯӣ шуда буд. Вай таъкид мекунад, ки Худо қарор дод ба Масеҳ мавқеи махсус диҳад, ва Ӯ *санги интихобшуда ва гаронбаҳо* хоҳад буд, ки ба он пурра такя кардан мумкин аст. Ҳеҷ кас, ба Ӯ боварӣ карда, ноумед нахоҳад шуд.

Калимае ки дар ин оят *«санги гӯша»*[13] тарҷума шудааст, камаш се маъно дошта метавонад, ва ҳар тафсирро ба дараҷа ва қувваи баробар нисбати Худованд Исо истифода бурдан мумкин аст.

1. Дар меъмории ҳозира *санги гӯша* дар таҳкурсии як кунҷ гузошта шуда, ду деворро бо ҳам мепайвандад ва таҳкурсиеро таҷассум мекунад, ки тамоми бино бар он истодааст. Масеҳ *санги гӯша*, ягона таҳкурсии ҳақиқист (1Қур. 3,10.11), Онест, ки имондорони яҳудӣ ва ғайрияҳудиро (чун ду девор дар як бино) ба як одами нав (Эфс. 2,13.14) муттаҳид кард.
2. Баъзе олимон фикр мекунанд, ки сухан дар бораи санги қуфл дар равоқ меравад. Ин сангест, ки дар маркази равоқ гузошта мешавад ва қисми боқимондаи биноро нигоҳ медорад. Худованди мо, албатта, ба ин тасвир мувофиқат мекунад. Ӯ санги марказӣ дар равоқ аст, ва бе Ӯ бино на устуворӣ хоҳад дошт, на мустаҳкамӣ.
3. Мувофиқи ақидаи сеюм, сухан дар бораи санги қуфл дар аҳром (пирамида) меравад, ки дар иморат ҷои баландтаринро ишғол мекунад. Ин дар иморат ягона сангест, ки шаклан фарқ мекунад. Шакли он шакли тамоми аҳромро муайян мекунад. Ин санги охиринест, ки сохтмон бо он анҷом меёбад. Ҳамин тариқ, Масеҳ санги авҷи аълои Калисо, ҳақиқатан санги беҳамтост. Калисо аз он хусусиятҳои хоси худро мегирад. Ҳангоме ки Ӯ бозмегардад, бино ба анҷом расонда мешавад.

Ӯ санги *интихобшуда ба гаронбаҳост.* Ӯ ба он маъно *интихобшуда* аст, ки Худо Ӯро ба ҷои аз ҳама ифтихорӣ муқаррар намуда, интихоб кард. Ӯ барои он *гаронбаҳост,* ки каси дигари монанди Ӯ вуҷуд надорад.

*Касе ки ба Ӯ имон оварад, шарманда намешавад.* Дар матни Ишаъё, ки Петрус ба он истинод мекунад, чунин навишта шудааст: «Ҳар кӣ имон оварад, таъҷил намекунад». Ҳар ду матнро муттаҳид кунед ва ваъдаи хуберо ба даст меоред, ки касоне ки Масеҳро чун санги *гӯша* доранд, аз хорӣ ба ноумедӣ мебурда ва шитоби беақлона раҳоӣ ёфтаанд.

**2,7** Дар оятҳои гузашта Худованд Исо чун санги зинда, санги радшуда, санги гаронбаҳо ва санги гӯша муаррифӣ шуда буд. Акнун, ин калимаро истифода набурда, аз афташ, Петрус Ӯро чун санги тафтишӣ тасвир мекунад. Санги тафтишӣ муайян мекунад, ки аз ду минерале ки дар шафати он аст, кадомаш аслӣ аст ва кадомаш қалбакӣ. Он, масалан, нишон медиҳад, ки маъдан тиллост ё пирите ки барғалат тилло гумон карда мешавад.

Ҳангоме ки одамон бо Наҷотдиҳанда сару кор мегиранд, маълум мешавад, ки онҳо дар асл кистанд. Бо муносибаташон ба Худованд онҳо моҳияти худро аён мекунанд. Барои имондорони ҳақиқӣ Ӯ *гаронбаҳост;* беимонон Ӯро рад мекунанд. Ҳаёти худро бе Масеҳ тасаввур карданӣ шуда, имондор мефаҳмад, ки Ӯ то чӣ андоза *гаронбаҳост.* Ҳеҷ кадом ҳаловати заминӣ «ҳатто лаҳзае ҳам бо ҳаёт дар мушоракат бо Масеҳ баробар шуда наметавонад». Ӯ «бар беваре (даҳ ҳазор) баланд бардошта шудааст» ва Ӯ «сар то по фаттон аст» (Сур. Сур. 5,10.16).

Аммо бо беитоатон, ё *беимонон,* чӣ мешавад? Муаллифи Забур 117 пешгӯӣ кард, ки ин санги гаронбаҳоро бинокорон рад хоҳанд кард, аммо дертар он *санги сари гӯша* хоҳад шуд.

Оиди сохта шудани парастишгоҳи Сулаймон достоне ҳаст, ки ин пайғамбариро хеле хуб тасвир мекунад. Сангҳо барои парастишгоҳ дар кони санги дар наздикӣ буда пешакӣ тайёр карда мешуданд. Ба қадри зарурат онҳоро ба майдони корӣ мебароварданд. Боре коргарон ба бинокорон сангеро оварданд, ки шакл ва андозаи нотакрор дошт. Коргарон барои он дар бино ҷой наёфтанд ва онро беэътиноёна ба нишебӣ партофтанд, ки он ҷо он тадриҷан бо алаф пӯшида шуд. Сохтмони парастишгоҳ ба анҷом наздик буд, ва ба

хонасозон санги андозааш муайян даркор шуд. Одамон дар кони санг гуфтанд: «Мо кайҳо ба шумо ин гуна санг фиристода будем». Баъди ҷустуҷӯҳои зиёд санги радшуда ёфт шуд ва ба ҷои муносиб дар парастишгоҳ гузошта шуд.

Аналогия (монандкунӣ) пурра фаҳмост. Худованд Исо дар омадани якумаш Худро ба халқи Исроил пешниҳод намуд. Халқ, ва дар навбати аввал сарварон, дар системаи ашёҳои худ барои Ӯ ҷой наёфтанд. Онҳо Ӯро рад карданд ва ба маслубшавӣ маҳкум намуданд.

Аммо Худо Ӯро аз мурдагон зинда намуд ва дар осмон ба тарафи рости Худ шинонд. Ҳангоме ки Радшуда бори дуюм ба замин бозмегардад, Ӯ чун Шоҳи шоҳон ва Худованди ҳукмфармоён хоҳад омад. Он гоҳ Ӯ дар назди омма чун *санги сари гӯшаи бино* зоҳир мегардад.

**2,8** Ин ҷо боз тағйири тимсолҳо ба амал меояд. Масеҳ, санги тафтишӣ ва гӯша, акнун чун *санги пешпо* аён мегардад. Ишаъё пешгӯӣ кард, ки барои беимонон Ӯ санге хоҳад буд, ки ба он пешпо хоҳанд хӯрд, ва кӯҳпорае ки онҳоро ба афтидан маҷбур хоҳад кард (Иш. 8,14.15).

Дар таърихи халқи Исроил ин пешгӯӣ аниқ иҷро шуд. Ҳангоме ки Масеҳи онҳо омад, яҳудиён аз аслу насаб ва ҳаёти хоксоронаи Ӯ ба васваса меафтоданд. Онҳо роҳбари сиёсӣ ва сарлашкарро интизор буданд. Ба далелҳои хеле боварибахш нигоҳ накарда, онҳо Ӯро чун Масеҳи ваъдашуда қабул кардан нахостанд.

Аммо ин на танҳо нисбати Исроил қобили истифода аст. Барои ҳар касе ки ба Исо имон надорад, Ӯ *санги пешпо ва кӯҳпораи васваса мешавад*. Одамон ё дар тавба назди Ӯ сар хам карда, наҷотро бо имон қабул мекунанд, ё ба Ӯ пешпо мехӯранд ва ба дӯзах меафтанд. «Он чи наҷоти онҳо буда метавонист, сабаби маҳкумияти афзояндаи онҳо мегардад». Бетарафӣ буда наметавонад; Ӯ бояд ё Наҷотдиҳанда ва ё Довар бошад.

Онҳо, *ба калом итоат накарда, пешпо мехӯранд*. Чаро онҳо пешпо мехӯранд? На аз боиси душвориҳои ақлии самимӣ. На барои он ки дар Худованд Исо чизе ҳаст, ки имон ба Ӯро ғайриимкон мегардонад. *Онҳо аз он сабаб пешпо мехӯранд,* ки дидаву дониста ба *калом* итоат намекунанд. Мушкилӣ дар иродаи одамист. Одамон аз он сабаб наҷот намеёбанд, ки наҷот ёфтан намехоҳанд (Юҳ. 5,40).

Чунин ба назар мерасад, ки қисми охири ояти 8, *«барои ҳамин муқаррар шудаанд»*, оид ба он мегӯяд, ки онҳо барои ба *калом* итоат накардан муқаррар шуда буданд. Оё маънои ин ҷумла чунин аст? Не, ин оят таълим медиҳад, ки ҳамаи онҳое ки дидаву дониста ба *калом* итоат намекунанд, насибашон *пешпо хӯрдан* аст. Суханони *«барои ҳамин муқаррар шудаанд»* ба қисми аввали ҷумла дахл доранд: *«онҳо, ба калом итоат накарда, пешпо мехӯранд»*. Худо пешбинӣ намудааст, ки ҳамаи онҳое ки пеши Худованд Исо таъзим кардан намехоҳанд, *пешпо хӯранд*. Агар одам исроркорона имон овардан нахоҳад, насиби вай пешпо хӯрдан аст. «Итоат кардан нахостан пешпо хӯрданро натиҷаи ҳатмӣ мегардонад» (Филлипс).

**2,9** Акнун Петрус боз ба имтиёзҳои имондорон бармегардад. Онҳо *насли интихобшуда, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастанд, ки мулки азизи Худо дониста шудаанд*. Худо ба халқи Исроил маҳз ҳамин имтиёзҳоро ваъда дод, агар онҳо ба Ӯ итоат кунанд:

*Ва акнун, агар шумо ба овози ман ба яқин гӯш диҳед, ва аҳди маро риоят кунед, шумо ганҷи интихобшудаи Ман аз миёни ҳамаи қавмҳо мешавед; зеро ки тамоми замин аз они Ман аст. Ва шумо барои Ман мамлакати коҳинон ва халқи муқаддас хоҳед буд (Хур. 19,5.6).*

Аз боиси беимонӣ Исроил натавонист ваъдаи Худоро фаҳмад, ва халқ ҳуқуқеро гум кард, ки халқи Худо ва *мулки азизи Ӯ дониста* шавад. Дар давраи ҳозира Калисо мавқеи имтиёзнокеро ишғол мекунад, ки Исроил аз боиси беитоатӣ аз даст дод.

Имондорони рӯзҳои мо *насли интихобшуда* мебошанд, ки Худо пеш аз офариниши олам *интихоб кардааст* ва ба Масеҳ тааллуқ доранд (Эфс. 1,4). Аммо бар хилофи мардуми заминӣ бо насабномаи маъмулӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи ҷисмонӣ, масеҳиён халқи осмонӣ мешаванд, ки аслу насаби илоҳӣ ва монандии рӯҳонӣ доранд.

Имондорон *каҳонати шоҳона* мебошанд. Ин *каҳонати* дуюм аст, ки дар ин боб зикр шудааст. Дар ояти 5 имондорон чун каҳонати пок тасвир шудаанд, ки қурбониҳои рӯҳонӣ меоваранд. Акнун онҳо коҳинони *шоҳона* номида шудаанд, ки аз камолоти Худо нақл мекунанд. Чун коҳинони *муқаддас,* онҳо бо имон барои

парастиш ба қудси осмонӣ медароянд. Чун коҳинони *шоҳона* онҳо ба ҷаҳон барои шаҳодат додан мебароянд. Ин фарқ дар каҳонатро маҳбусии Павлус ва Сило дар Филиппӣ нишон медиҳад. Чун коҳинони *муқаддас,* онҳо дар нимишабӣ Худоро ҳамду сано мехонданд; чун коҳинони *шоҳона* онҳо ба посбони зиндон Хушхабарро мавъиза мекарданд (Аъм. 16,25. 31).

Имондорон *халқи муқаддас* ҳастанд. Худо мехост, то Исроил халқе шавад, ки бо муқаддасияш фарқ мекунад. Аммо исроилиён амалияи гуноҳолуди ҳамсояҳои бутпарасташонро қабул намуданд. Ҳамин тариқ, Исроил муваққатан барканор шуд, ва акнун Калисо *халқи муқаддаси* Худо шуд.

Ниҳоят, масеҳиён *қавме* ҳастанд, *ки мулки азизи Худо дониста шудаанд.* Онҳо ба таври махсус мулки Ӯ шуданд ва барояш бениҳоят пурқимат ҳастанд.

Қисми охири ояти 9 масъулияти онҳоеро тасвир мекунад, ки *насл, каҳонат, халқ ва қавми* нави Худо шудаанд. Мо бояд *аз камолоти Ӯ, ки* моро *аз торикӣ ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунем.* Пештар мо дар торикии гуноҳ ва шармандагӣ роҳгум зада будем. Ба шарофати халосии азим мо ба Подшоҳии Писари дӯстдоштаи Ӯ гузаронда шудаем. Акнун рӯшноии пок ва равшан торикии зулмотро иваз намуд. Мо бояд ба Касе ки ҳамаи инро барои мо кардааст, ҳамду саноҳои беандоза гӯем.

**2,10** Петрус ин қисми нақлро бо муроҷиат ба Китоби Ҳушаъ анҷом медиҳад. Ҳаёти фоҷианоки оилаи пайғамбарро чун дарси ибрат истифода бурда, Худо ба халқи Исроил ҳукмро эълон намуд. Вай гуфт, ки барои ба Ӯ бевафоӣ карданашон дигар ба онҳо раҳм нахоҳад кард ва онҳо дигар халқи Ӯ нахоҳанд буд (Ҳуш. 1,6.9). Аммо рад шудани Исроил ниҳоӣ набуд, зеро Парвардигор ваъда дод, ки дар оянда Исроил барқарор карда мешавад: *«Ва бар Лӯ-Рӯҳома марҳамат мекунам, ва ба Лӯ-Аммӣ мегӯям: Ту қавми Ман ҳастӣ, ва ӯ мегӯяд: Ту Худои ман ҳастӣ»* (Ҳуш. 2,23).

Баъзе аз онҳое ки Петрус ба онҳо менавишт, ба халқи Исроил тааллуқ доштанд. Акнун онҳо аъзоёни Калисо буданд. Аз рӯи имон ба Масеҳ онҳо халқи Худо шуданд, дар ҳоле ки яҳудиёни беимон ҳанӯз радшуда боқӣ мемонданд.

Ҳамин тариқ, Петрус дар яҳудиёни имондори он замон қисман иҷро шудани пешгӯии Ҳушаъ 2,23-ро мебинад. Дар Масеҳ онҳо халқи нави Худо шуданд; дар Масеҳ онҳо *марҳамат ёфтаанд.* Ин гурӯҳи хурди яҳудиёни наҷотёфта аз баракатҳое ки ба Исроил ба василаи Ҳушаъ ваъда шуда буданд, аз тамоми Исроил хеле барвақттар ҳаловат мебурданд.

Аз ин порча набояд хулоса кард, ки агар халқи Худо Калисо бошад, Ӯ дигар бо Исроил чун бо халқ коре надорад. Ҳамчунин ҳеҷ кас набояд фикр кунад, ки Калисо Исроили имрӯзаи Худост ва ваъдаҳои ба Исроил додашуда акнун ба Калисо дахл доранд. Исроил ва Калисо объектҳои гуногунанд, ва фаҳмидани ин фарқ яке аз калидҳои муҳим барои маънидоди пайғамбариҳост.

Исроил аз замони даъват шудани Иброҳим то омадани Масеҳ халқи интихобшудаи заминии Худо буд. Зиддият ва беимонии халқ вақте ба нуқтаи даҳшатовари авҷ расид, ки Масеҳ ба салиб мехкӯб карда шуд. Барои ин гуноҳи охирин Худо муваққатан Исроилро чун халқи интихобшудаи Худ рад кард. Ва имрӯзҳо Исроил халқи кадимии заминии Ӯст, аммо на интихобшуда.

Дар давраи ҳозира Худо халқи наве дорад – Калисо. Давраи Калисо чун як фосилаест дар муносибатҳои Худо бо Исроил. Ҳангоме ки ин фосила ба анҷом мерасад, яъне вақте ки Калисо ба осмон бурда мешавад, Худо муносибатҳои Худро бо Исроил аз нав барқарор мекунад. Он гоҳ қисми имондори яҳудиён аз нав халқи Худо мешавад.

Иҷроиши хотимавии пешгӯии Ҳушаъ ҳанӯз дар оянда аст. Он дар лаҳзаи омадани дуюм ба амал меояд. Одамоне ки Масеҳи худро рад карда буданд, «ба Ман, ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа мекунанд, барои Ӯ навҳа хоҳанд кард, ва мисли он ки барои нахустзода мотам мегиранд, барои Ӯ мотам хоҳанд гирифт» (Зак. 12,10). Он гоҳ Исроили пушаймоншуда ва имондор бахшида шуда, аз нав халқи Худо мешавад.

Фикри асосии Петрус дар ояти 10 чунин аст: яҳудиёни имондор аллакай имрӯз аз иҷроиши пешгӯии Ҳушаъ баҳра мебаранд, дар ҳоле ки беимонон ҳанӯз Худоро инкор мекунанд. Иҷроиши пурра ва ниҳоии пешгӯӣ ҳангоме ба амал меояд, ки «аз Сион Раҳокунанда

меояд ва худонотарсиро аз Яъқуб дур мекунад» (Рум. 11,26).

## II. МУНОСИБАТҲОИ ИМОНДОР (2,11–4,6)

### A. Мусофир ба ҷаҳон бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,11-12)

**2,11** Қисми зиёди матни боқимондаи Номаи якуми Петрус оид ба рафторе мегӯяд, ки ба масеҳӣ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт бояд хос бошад. Петрус ба имондорон ёдрас мекунад, ки онҳо дар ҷаҳон *ғарибон ва муҳоҷирон* ҳастанд ва ин бояд дар тамоми рафтори онҳо инъикос ёбад. Онҳо *ғариб*онанд ба он маъно, ки дар кишвари бегона зиста, ҳуқуқи шаҳрвандӣ надоранд. Онҳо *муҳоҷиронанд* ба он маъно, ки маҷбуранд якчанд муддат дар ҷое истиқомат кунанд, ки хонаи доимии онҳо нест.

Сурудҳои кадимӣ ба мо оид ба мусофират ёдрас мекунанд. Масалан:

*Аз олами боло даъват шуда, дар оилаи Худо зода шудаем (як замоне*
*фақат сокинони замин будем).*
*Мо ин ҷо чун мусофиронем, хонаи осмониро меҷӯем.*
*Ҳаёти ояндаи мо ҳанӯз дар пеш аст, мо ин ҷо танҳо ношиносонем.*
*Дар замин, ки ба Ту фақат қабрро дод, мо хонаеро толиб нестем.*
*Салиби Ту занҷирҳоеро, ки моро баста буданд, канд.*
*Ту акнун Ганҷи мо дар ҷаҳони равшантар ҳастӣ.*

Ҷеймс Г. Дек

Аммо ин ҳиссиёт дар сурудҳои мо камтар шудаанд. Дар замоне ки Калисо дар ин ҷаҳон ҷойгир шудааст, хондан оид ба он чи берун аз таҷрибаи мост, андаке риёкорона метобад.

Ҳангоме ки мо даъвати исроркоронаро дар хусуси *аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон бармехезанд, парҳез намудан* мехонем, мо фавран оид ба гуноҳҳои ҷинсӣ фикр мекунем. Аммо истифодаи ин калимаҳо васеътар аст; ин даъват ба ҳама гуна хоҳиши сахте дахл дорад, ки мухолифи хости Худост. Ин суиистеъмоли хӯрок ё нӯшокиҳо, бисёр хобидан, хоҳиши ғун кардани сарвати моддӣ ё шавқи лаззатҳои дунявӣ низ ҳаст. Ҳамаи ин хоҳишҳо бар зидди некӯаҳволии рӯҳонии мо муттасил меҷанганд. Онҳо ба мушоракат бо Худо монеъ мешаванд. Онҳо нашъунамои рӯҳониро бозмедоранд.

**2,12** Мо на танҳо бояд ҳавасҳои ҷисмонии худро маҳдуд намоем ва идора кунем, балки ҳамчунин *дар миёни халқҳо,* яъне дар ҷаҳони бутпараст *рафторамон дар миёни халқҳо нек*[14] *бошад.* Ҳаёти мо набояд тақлид ба ҷаҳон бошад. Мо бояд тахти садои нақораи дигар роҳ равем.

Қариб ҳатман мо ба танқид дучор мешавем. Эрдман менависад, ки ҳангоме Петрус ин Номаро менавишт, *«масеҳиён барои ба худоёни бутпарастон саҷда накардан чун беимонон ба туҳмат гирифтор шуда буданд; барои аз бадахлоқиҳо ва бадиҳои маъмулгашта худдорӣ кардан – чун беақлон ва гӯшанишинон; барои садоқат ба Подшоҳи Осмонӣ – чун беитоатон ба ҳукумат».*[15]

Аз чунин бадгӯии мунаққидон ҷои гурез нест. Аммо имондорон набояд ба ҷаҳон барои ин гуна таънаҳо баҳонаи асосноке диҳанд. Ҳама гуна туҳмат бояд бо шаҳодати раднопазири корҳои нек рад карда шавад. Он гоҳ айбдоркунандагон маҷбур мешаванд, ки *Худоро дар рӯзи бозхост ҳамду сано хонанд.*

*Рӯзи бозхост* (бозҷӯӣ) ҳар вақтест, ки Худованд ба онҳо ё барои марҳамат, ё барои доварӣ наздик мешавад. Луқо дар 19,41-44 низ худи ҳамин ифодаро истифода мебарад. Исо барои Уршалим гиря мекард, чунки шаҳр вақти бозҷӯиро нафаҳмид, яъне Уршалим намефаҳмид, ки Масеҳ бо муҳаббат ва марҳамат наздаш омадааст. Ин ҷо «бозхост» метавонад инро ифода кунад: 1) рӯзе ки файзи Худо бадгӯёнро бозҷӯӣ мекунад ва онҳо наҷот мeёбанд, ё 2) рӯзи маҳкумият, вақте ки беимонон назди Худо ҳозир хоҳанд шуд.

Шоул аз Тарсус мисоли тафсири якум аст. Вай ҳамчунин Истефанусро гуноҳкор мекард, аммо корҳои неки Истефанус бар ҳама гуна душманӣ ғолиб шуданд. Ҳангоме ки Худо дар меҳрубонии Худ Шоулро дар роҳи Димишқ бозҷӯӣ намуд, фарисии тавбакунанда Худоро ҳамд гуфта, чун Истефанус, барои ба дигарон таъсир расондан бо нури ҳаёте ки Исои Масеҳ дар он подшоҳӣ мекунад, роҳи худро идома дод.

Ҷоветт мегӯяд:

*Ҳаёти зебо бояд фикрҳои одамонро барои дар назди азамати Худо сари таъзим фуруд*

*овардан баланд кунад. Ҳангоме ки одамон чизи илоҳиро мебинанд, ки дар одам инъикос ёфтааст, онҳо низ моил мешаванд бо осмон мушоракат дошта бошанд. Онҳо бояд моил карда шаванд, на аз боиси хушсухании мо, балки аз нури ҳаёти мо. Ба воситаи файзи пуртаъсири ҳаёти неккирдорона, ки таассурот мебахшад, мо «даҳонҳои ҷаҳолати одамони беақлро мебандем», ва ин хомӯшӣ барои онҳо қадами аввалин дар саъю кӯшиш сӯи ҳаёти ба Худо бахшидашуда аст.*[16]

Агар тафсири дуюмро ба асос гирем, пас одамони наҷотнаёфта маҷбур мешаванд *Худоро дар рӯзи* доварӣ *ҳамду сано хонанд*. Онҳо ҳеҷ гуна далеле барои сафедшавӣ нахоҳанд дошт, чунки на танҳо Хушхабарро шунидаанд, балки онро дар ҳаёти хешовандон, дӯстон ва ҳамсоягони масеҳӣ низ дидаанд. Он гоҳ Худо ба воситаи рафтори беайби фарзандони Ӯ сафед карда мешавад.

### Б. Шаҳрванд ба ҳокимият бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,13-17)

**2,13** Панҷ ояти оянда муносибати масеҳиро ба роҳбарият тасвир мекунанд. Калимаҳои асосӣ дар ин ҷо *фармонбардор бошед* ҳастанд. Амалан дар Нома фармони итоат кардан чор бор садо медиҳад.

Шаҳрвандон бояд ба ҳокимият *итоат* намоянд (2,13).

Ғуломон бояд ба соҳибони худ *итоат* намоянд (2,18).

Занҳо бояд ба шавҳарони худ *итоат* намоянд (3,1) .

Имондорони ҷавонтар бояд ба шубонон *итоат* намоянд (5,5).

Лайолл мегӯяд:

*Ҷавоби ниҳоии масеҳиёна ба таъқибот, бадгӯён ва айбдоркунандагон ҳаёти тақводорона, рафтори бенуқсон ва иҷрои боинсофонаи вазифаҳои шаҳрвандист. Аз ҷумла ... итоаткорӣ фазилати олии масеҳист.*[17]

Ҳокимиятҳои инсонӣ аз ҷониби Худо барпо шудаанд (Рум. 13,1). Ҳокимон хизматгорони Худоянд (Рум. 13,4). Ҳатто агар ҳокимон беимон бошанд ҳам, расман онҳо одамони Худоянд. Ҳатто агар онҳо фармонравоёни ҷафокор бошанд ҳам, ҳукмронии онҳо аз набудани ҳокимият беҳтар аст. Набудани ҳокимият анархия (беҳокимиятӣ) аст, ва ҳеҷ гуна ҷамъият дар шароити анархия пойдор намемонад. Пас ҳукумати бад аз набудани ҳукумат беҳтар аст. Тартиб аз хаос (бетартибӣ) беҳтар аст. Имондорон бояд *ба* роҳбарияти одамӣ *ба хотири Худованд фармонбардор бошанд*. Бо ҳамин онҳо хости Ӯро ба ҷо меоваранд ва он чи писандидаи Ӯст, иҷро мекунанд. Ин насиҳатҳо нисбати подшоҳ ё ягон ҳокими олӣ қобили истифодаанд. Ҳатто агар Нерон барин шахс қайсар шавад, мо бояд ба вай итоат кунем.

**2,14** Фармоиши итоат кардан ҳамчунин соҳибмансабони зердастро, чун *ҳокимон,* дар бар мегирад. Онҳоро Худо вазифадор кардааст, ки ҷинояткоронро ҷазо диҳанд ва риоякунандагони қонунро *таҳсин кунанд*. Амалан соҳибмансабони ҳукумат барои иҷрои ин вақт ё хоҳиши кам доранд, аммо ин вазифаи итоат кардани масеҳиро бекор намекунад! Таърихшинос Арнолд Тойнбӣ қайд намудааст, ки «то даме ки гуноҳ қисми табиати инсон аст, қайсар ҳамеша барои худ кор меёбад».

Албатта, истисноҳо ҳастанд. Баъзан итоат ҳатмӣ нест. Агар ҳокимиятҳои инсонӣ ба имондор фармон диҳанд, ки зидди хости Худо амал намояд, имондор набояд ба онҳо итоат кунад. Дар ин маврид вай масъулияти баландтар дорад; вай бояд на ба одамон, балки ба Худо итоат кунад (Аъм. 5,29). Агар барои беитоатии вай ҷазо муқаррар шуда бошад, вай бояд мардонавор онро таҳаммул намояд. Ба ҳеҷ ваҷҳ зиддият намудан ва барои сарнагун кардани ҳукумат кӯшиш кардан мумкин нест.

Шахсоне ки Навиштаи Муқаддасро пинҳонӣ ба кишварҳои маҳкам мебаранд, аз нуқтаи назари расмӣ қонуншиканӣ мекунанд. Аммо онҳо ба қонуне итоат мекунанд, ки аз ҳама гуна қонунҳои инсонӣ бартарӣ дорад, – ба амри бо Хушхабар ба тамоми ҷаҳон рафтан. Ҳамин тариқ, онҳо дар асоси Навиштаи Муқаддас маҳкум карда намешаванд.

Фарз мекунем, ки ҳукумат ба масеҳӣ амр медиҳад, то дар артиш хизмат кунад. Оё вай маҷбур аст итоат карда, ба даст силоҳ гирад? Агар вай ҳис кунад, ки ин рӯйрост вайрон кардани Каломи Худост, вай аввал бояд ба дигар намудҳои хизмати алтернативӣ муроҷиат кунад ё статуси шахси намеҷангидаро нигоҳ дорад. Агар кӯшишҳои вай бар абас бошанд,

вай бояд аз хизмати ҳарбӣ даст кашад ва натиҷаҳояшро таҳаммул кунад.

Бисёр масеҳиён оид ба хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ шубҳа надоранд. Дар ин масъала ҳар кас бояд ақидаи мустаҳками худро дошта бошад; аммо ба дигарон имкони бо ин ақида розӣ нашуданро додан лозим аст.

Масъала оид ба он ки оё масеҳӣ бояд дар интихобот ё дар сиёсат иштирок кунад, – дигар аст. Ҳукумат инро талаб намекунад, пас масъала оид ба итоат ё беитоатӣ аз байн меравад. Ҳар кас бояд мувофиқи принсипҳои рафтор ва қарзи шаҳрвандӣ, ки дар Навиштаи Муқаддас тасвир ёфтаанд, амал намояд. Ин ҷо низ мо бояд дигар нуқтаҳои назарро имконпазир ҳисобем ва дар дурустии ақидаҳои худ пофишорӣ накунем.

**2,15** *Хости Худо* дар он аст, то халқи Ӯ чунон сазовор ва бенуқсон зиндагӣ кунад, ки беимонон барои айбдоркунӣ асоси қонунӣ надошта бошанд. Масеҳиён бояд бо рафтори намунавияшон *ҷаҳолати* айбдоркуниҳоеро, ки *мардуми беандеша* зидди онҳо пеш меоранд, нишон диҳанд.

Масеҳиён ва имони масеҳӣ аз *ҷаҳолати мардуми беандеша* доимо гирифтори ҳуҷумҳо мебошанд. Ин дар аудиторияи донишгоҳ, дар лабораторияи илмӣ ё ҳатто аз минбари воиз буда метавонад. Петрус мегӯяд, ки ҷавоби беҳтарин ба ин гуна хорузоркунӣ – ҳаёти муқаддас аст.

**2,16** Ҳамчун *касони озод* амал намоед. Мо на дар ғуломии ҳокимияти шаҳрвандӣ мебошем. Мо набояд дар ғуломӣ ё тарс зиндагӣ кунем. Дар ниҳояти кор, мо одамони озоди Худованд ҳастем. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо барои гуноҳ кардан озод ҳастем. *Озодӣ* маънои беинтизомиро надорад. Озодӣ қонуншиканиро дар бар намегирад. Бинобар ин мо ҳеҷ гоҳ набояд озодии худро чун сафедкунии гуноҳ истифода барем. Беитоатии гуноҳолуд ба ҳеҷ ваҷҳ бо баҳонаҳои гӯё рӯҳонӣ сафед карда намешавад. Бадие ки бо либоси динӣ пӯшонида шудааст, ҳеҷ гоҳ ба кори Масеҳ мусоидат намекунад.

Агар мо ҳамчун *бандагони Худо* зиндагӣ кунем, муносибатҳои мо бо ҳокимияти шаҳрвандӣ дар дараҷаи даркорӣ хоҳад буд. Мо бояд дар партави ҳузури Худо амал намоем, дар ҳама чиз ба Ӯ итоат намоем, ҳама чизро барои ҷалоли Ӯ кунем. Шаҳрванди беҳтарин имондорест, ки чун бандаи Худо зиндагӣ мекунад. Мутаассифона, аксари ҳукуматҳо намефаҳманд, ки то чӣ андоза бояд ба масеҳиёне ки ба Навиштаи Муқаддас бовар ва итоат мекунанд, шукргузор бошанд.

Оид ба ибораи *«бандагони Худо»* андеша намоед. Ф. Б. Мейер менависад:

*Осмон даҳшатноктарин калимаҳои моро гирифта, онҳоро водор мекунад бо равшании худ ҷило диҳанд, ва он чи муродифи даҳшат менамуд, мақсади фикрҳои наҷибтарини мо мешавад.*[18]

**2,17** Ҳеҷ кадом муносибатҳои тарафайн аз доираи масъулияти масеҳиёна берун намемонанд. Ҳамин тавр Петрус ҳудуди муносибатҳоро бо чор ҳукми қатъӣ васеътар мекунад.

*Ҳамаро ҳурмат кунед.* Мо на ҳамеша гуфтор ва рафтори одамонро ҳурмат карда метавонем, аммо метавонем дар ёд нигоҳ дорем, ки ҳар як ҳаёти алоҳида бештар аз тамоми ҷаҳон арзиш дорад. Мо эътироф мекунем, ки ҳар як одам ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудааст. Мо ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кунем, ки Худованд Исо ҳатто барои нолоиқтаринҳо хуни Худро рехт ва мурд.

*Бародариро дӯст доред.* Мо бояд ҳамаи одамонро ва хусусан аъзоёни оилаи рӯҳониямонро дӯст дорем. Ин муҳаббат монанди муҳаббати Худо ба мост. Ҳеҷ кас ба он сазовор нест, он ба онҳое равона карда шудааст, ки дӯст намедоранд, он интизори мукофот нест, ва он аз марг пурзӯртар аст.

*Аз Худо тарсед.* Мо аз Ӯ *метарсем,* агар Ӯро чун Худованди Таоло эҳтиром кунем. Он гоҳ ҳамду санои Ӯ ҳаққи аввалиндараҷаи мо мегардад. Мо аз кардани он чи боиси норозигии Ӯ мешавад, *метарсем,* ва аз он *метарсем,* ки Ӯро ба одамон нодуруст муаррифӣ намоем.

*Подшоҳро иззат кунед.* Петрус барои ёдраскунии хотимавӣ ба мавзуи ҳукумат бармегардад. Мо бояд ҳокимони худро чун вазифадороне ки аз тарафи Худо барои хизмат ба ин ё он ҷамъият таъйин шудаанд, ҳурмат намоем. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд «андозро ба касе ки андоз меситонад; хироҷро ба касе ки хироҷ мегирад; тарсро ба касе ки лоиқи тарс аст», диҳем (Рум. 13,7). Умуман, масеҳӣ дар ҳар гуна сохти ҳокимият зиста метавонад. Вай фақат дар он ҳолат набояд итоат кунад, ки ба ӯ мефармоянд байни итоат ба ҳокимият ва итоат ба Худованд Исои Масеҳ интихобе кунад.

### В. Хизматгор ба хоҷааш бояд чӣ гуна муносибат кунад (2,18-25)

**2,18** Рамзист, ки китоби Инҷил ба *хизматгорон* назар ба подшоҳон насиҳати бештаре медиҳад. Бисёр масеҳиёни аввалин ғуломон буданд, ва Навиштаи Муқаддас нишон медиҳад, ки аксари масеҳиён аз табақаҳои миёна ё поёнии ҷамъият буданд (Мат. 11,5; Марқ. 12,37; 1Қур. 1,26-29).

Ин порча ба *хизматгорон* равона карда шудааст, аммо принсипҳо нисбати ҳама гуна коргарон қобили истифода аст. Павлус ба хизматгорон амр медиҳад, ки ба хоҷа бо тамоми эҳтиром итоат намоянд. Воқеияти ҷудоинопазири ҳаёт он аст, ки дар ҳар гуна ҷамъият ё ташкилот бояд аз як тараф ҳокимият бошад, аз тарафи дигар итоат ба ин ҳокимият. Хизматгор ба хоҷаи худ бояд ба хотири беҳбудии худ итоат кунад, вагарна вай корашро аз даст медиҳад. Барои масеҳӣ итоат намудан боз ҳам муҳимтар аст. Гап аз маош дида бештар дар шаҳодати ӯ мебошад, ки ба итоат вобаста аст.

Итоат набояд мувофиқи хислати корфармо тағйир ёбад. Ба хоҷагони *нек ва фурӯтан ҳар* кас итоат карда метавонад. Имондорон бояд дуртар рафта, ба роҳбари *сахтгир* бо эҳтиром ва итоаткорӣ муносибат кунанд. Ҳамин аст рафтори ҳақиқии масеҳиёна.

**2,19** Ноҳақ азоб кашида, мо розигии Худоро ба даст меоварем. Ӯ қаноатманд аст, вақте мебинад, ки мо ба Ӯ вобаста будани худро дарк мекунем, ҳангоме ки худро сафед накарда ва муқобилат накарда, ба азобҳои носазовор тоб меоварем. Вақте ки мо ба муносибати ноодилона бо фурӯтанӣ тоб меоварем, мо Масеҳро нишон медиҳем; ин гуна ҳаёти фавқуттабиӣ сазовори таҳсини Худо мегардад: «Аъло!»

**2,20** Ҳеҷ фазилате дар он нест, ки кас барои ҷиноятҳои худ азоб кашида, сабр кунад. Албатта, дар ин ҳеҷ ҷалоле барои Худо низ нест. Ин гуна азоб кашидан ҳеҷ гоҳ моро чун масеҳиён тавсиф намедиҳад ва дигаронро водор намекунад, то масеҳӣ шаванд. Аммо барои корҳои нек азоб кашида, *тоқат кардан* аҳамияти бузург дорад. Он барои ҷаҳон чунон ғайритабиӣ ва бегона аст, ки одамонро ба изтироб меорад, ва онҳо тадриҷан дар гуноҳкории худ ва зарурати наҷот боварӣ ҳосил мекунанд.

**2,21** Фикр оид ба азоби имондорон барои корҳои нек ҳатман ба ин суханони воло оид ба *намунаи ибрати* Худованд Исо меорад, ки Ӯ барои мо боқӣ гузоштааст. Ҳеҷ гоҳ ва бо ҳеҷ кас чунин ноодилона рафтор накардаанд, чунон ки бо Ӯ, ва ҳеҷ кас азобҳоро чунин пурсаброна паси сар накардааст.

Мо даъват шудаем чунон рафтор кунем, ки Ӯ барои бадии дигарон азоб кашида, рафтор мекард. Дар калимаи *«намуна»,* ки ин ҷо истифода шудааст, идея оид ба дафтари хушнависона пур кардашуда ҷой дорад. Шогирд кӯшиш мекунад, ки аслро то ҳадди имкон аниқтар нусхабардорӣ кунад. Агар вай ба намуна бо ҷидду ҷаҳд тақлид намояд, хаташ ба қадри имкон хуб хоҳад буд. Аммо ҳар қадаре ки вай аз асл дуртар равад, нусхаҳо ҳамон қадар бадтар мешаванд. Бехатарии мо дар пайравии доимӣ ба Асл аст.

**2,22** Худованди мо на барои гуноҳҳои Худ азоб кашид, чунки бегуноҳ буд. Ӯ «аз гуноҳ беҳабар буд» (2Қур. 5,21); *Ӯ гуноҳе накардааст* (ҳамин оят) ва «дар Ӯ гуноҳе нест» (1Юҳ. 3,5).

Гуфтори Ӯ ҳеҷ гоҳ бо *фиреб* олуда нашуда буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегуфт ва ҳақиқатро пинҳон намедошт. Дар ин бора фикр кунед! Як замоне дар ин сайёра шахсе мезист, ки мутлақо боинсоф, мутлақо ба дурӯғ ва *фиреб* бегона буд.

**2,23** Ӯ пурсабр буд ва ба иғво дода намешуд. *Гирифтори бадгӯӣ гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард,* яъне ҳамон хел ҷавоб намедод. Ҳангоме ки Ӯро сарзаниш мекарданд, Ӯ таҳдид намекард. Ҳангоме ки айбдор намуданд, Ӯ Худро ҳимоя накард. Ӯ ба таври ҳайратовар аз ҳисси ҳимояи худ озод буд.

Муаллифи номаълум навиштааст:

*Нишонаи фурӯтании амиқ, ҳақиқӣ он аст, ки ҳангоме мебинем, ки моро ноҳақ маҳкум мекунанд, сархам бошем. Таҳқирҳо ва ранҷонидanҳоро хомӯшона таҳаммул кардан – тақлиди олидараҷаест ба Худованди мо. Ҳангоме мо азобҳои Онеро ба ёд меорем, ки тамоман сазовори ин набуд, нисбати он, ки худро вазифадор меҳисобем ба ҳимоя ва сафедкунии худ сухане гӯем, чӣ ҳиссе дошта метавонем?*

*Азоб кашида, таҳдид намекард.* Ҳеҷ як сухани дағал, таҳдидомез аз лабони хомӯши Ӯ берун наомадааст. Шояд, мухолифонаш хомӯшии Ӯро нишонаи сустӣ меҳисобиданд. Агар онҳо дар ҷои Ӯ мебуданд, мефаҳмиданд, ки ин сустӣ не, балки қувваи фавқуттабиӣ мебошад!

Кадом қувваҳои ниҳонии рӯҳонӣ ба Ӯ ёрӣ медоданд, то ба фишори чунин таҳқири беасос тоб оварад? Ӯ ба Худо, ба *Довари Одил*, боварӣ дошт. Мо низ ба он даъват шудаем, ки чунин рафтор намоем:

*Эй маҳбубон, қасоси худро нагиред, балки ба ғазаби илоҳӣ вогузор кунед; зеро ки навишта шудааст: «Қасос аз ҷониби Ман аст, Ман сазо медиҳам, мегӯяд Парвардигор». Пас, агар душманат гурусна бошад, шикамашро сер кун; агар ташна бошад, ба ӯ об деҳ; зеро ки бо чунин рафторат бар сари ӯ оташпораҳо фурӯ хоҳӣ рехт. Ба бадӣ мағлуб нашав, балки бадиро бо некӣ мағлуб кун (Рум. 12,19-21).*

**2,24** Азобҳои Наҷотдиҳанда ба мо на танҳо чун намуна хизмат кардаанд, балки кафорати мо низ буданд. Албатта, мо наметавонем ба азобҳои Ӯ тақлид кунем, ва Петрус инро пешниҳод намекунад. Далели вай, аз афташ, ин аст: Азобҳои Наҷотдиҳанда натиҷаи гуноҳҳои Ӯ набуданд, чунки Ӯ гуноҳ надошт. Ӯ маҳз барои *гуноҳҳои мо* ба салиб мехкӯб карда шуд. Ӯ як бор ва барои ҳамеша ба хотири гуноҳҳои мо азоб кашид, пас, мо ҳеҷ гоҳ набояд роҳ диҳем, ки худамон низ барои гуноҳҳо азоб кашем. Барои гуноҳҳо мурдани Ӯ бояд моро водор созад, ки барои гуноҳҳо бимирем. Аммо ин ҷо гап на дар бораи некӯкории манфист; мо бояд на танҳо барои гуноҳ бимирем, балки низ *барои росткорӣ зиндагӣ кунем*.

*Шумо аз захмҳои Ӯ шифо ёфтед*. Калимаи *«захмҳо»* дар нусхаи асл шумораи танҳо дорад. Аз афташ, дар назар дошта шудааст, ки тамоми бадани Ӯ аз боиси қамчинкорӣ як захми яклухт буд. Агар шифоёбии мо барои Наҷотдиҳанда ин қадар қимат афтода бошад, муносибати мо ба гуноҳ бояд чӣ гуна бошад? Теодорет тафсир медиҳад: «Усули нав ва аҷиби шифодиҳӣ. Табиб худ азоб кашид, ва бемор шифо ёфт».

**2,25** То имон овардан мо *мисли гӯсфандони гумшудае будем* – роҳгумзада, беқарор, захмдори хуншор. *Гӯсфандони* роҳгумзадаро зикр кардани Петрус аз шаш ишора ба боби 53-юми Ишаъё дар ин порча охирин аст:

Ояти 21 *Масеҳ ... барои мо азоб кашид* (муқоиса кунед бо Иш. 53,4.5);

Ояти 22 *Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш фиребе набуд* (муқоиса кунед бо Иш. 53,9);

Ояти 23 *Гирифтори бадгӯи гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯи намекард* (муқоиса кунед бо Иш. 53,7);

Ояти 24 *Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт* (муқоиса кунед бо Иш. 53,4.11);

Ояти 24 *Шумо аз захмҳои Ӯ шифо ёфтед* (муқоиса кунед бо Иш. 53,5);

Ояти 25 *Зеро ки шумо мисли гӯсфандони гумшудае будед* (муқоиса кунед бо Иш. 53,6);

Наҷотро ба даст оварда, мо сӯи Чӯпон бармегардем – Чӯпони нек, ки ҳаёти Худро барои гӯсфандон фидо кард (Юҳ. 10,11); Чӯпони бузурге ки меҳрубонона ва хаста нашуда оид ба рамае ки барояш хун рехтааст, ғамхорӣ мекунад; Сарчӯпоне ки ба қарибӣ меояд ва гӯсфандони Худро ба чарогоҳҳои сабзи осмонӣ мебарад, ки он ҷо онҳо ҳеҷ гоҳ роҳгум намезананд.

Имон ҷонҳои моро *сӯи Нигаҳбони*[19] *ҷонҳо* бозмегардонад. Мо офаридаи Ӯ будем, аммо аз боиси гуноҳ гум шуда будем. Акнун мо ба дастони ғамхори Ӯ бозмегардем ва дар бехатарӣ мешавем, дар бехатарии абадӣ.

### Г. Зан ба шавҳар бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,1-6)

**3,1** Петрус ба вазифаи масеҳиён оид ба итоат кардан ба ҳукумати одамӣ ва хоҷагони заминӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Акнун вай ба мавзуи итоати *занон* ба *шавҳарон* мегузарад.

Ҳар як зан, новобаста ба имондор будан ё набудани шавҳараш, бояд ба вай мутеъ бошад. Худо ба шавҳар ҷои сардорро муқаррар намудааст, ва хости Ӯ дар он аст, ки зан ҳокимияти мардро эътироф намояд. Муносибатҳои байни марду зан ифодакунандаи муносибатҳои Масеҳ бо Калисо мебошанд. Зан бояд ба шавҳари худ итоат кунад, чунон ки Калисо низ бояд ба Масеҳ итоат кунад.

Дар ҷамъияти мо ин гуна муносибатҳо аз байн рафтаанд. Занҳо бар мардҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва ҷамъияти мо беш аз пеш матриархалӣ мешавад. Дар бисёр калисоҳо занҳо назар ба мардҳо фаъолтар ва болаёқаттар метобанд. Аммо Каломи Худо тағйирнопазир аст. Сарварии мард муқаррароти илоҳист. Далелҳо ҳар қадар оқилона садо диҳанд ҳам,

натиҷаи ҳокимиятро бар мард ғасб намудани зан танҳо мушкилот ва бетартибӣ хоҳад буд.

Ҳатто агар шавҳар беимон бошад, зан бояд вайро чун сарвар эҳтиром намояд. Ин шаҳодати имони зан ба Масеҳ хоҳад буд. *Рафтори* итоаткорона, дӯстдорона ва вафодоронаи зан метавонад боиси ба Наҷотдиҳанда рӯ овардани шавҳар гардад.

Ва зан *бе калом* метавонад ӯро барои Масеҳ ба даст оварад. Ин маънои онро дорад, ки зан набояд доимо ба шавҳараш мавъизаҳо хонад. Шояд заноне ки ба шавҳаронашон ғурғур карда, Хушхабарро ба каллаи онҳо даровардани шудаанд, ба онҳо зарари калон расондаанд. Ин ҷо таъкид карда мешавад, ки занҳо метавонанд ба воситаи ҳаёти ҳаррӯзаи худ шавҳарро барои Масеҳ ба даст оваранд.

Аммо фарз мекунем, ки шавҳар ба ҳаёти масеҳиёнаи зан дахолат мекунад. Дар ин ҳолат зан бояд чӣ кунад? Агар шавҳар талаб кунад, ки зан ба фармудаи равшани Навишта итоат накунад, вай ихтиёр дорад ба шавҳар итоат накунад ва ба Худованд вафодор монад. Агар масъала на ба вазифаи аниқ, балки фақат ба ҳуқуқҳои масеҳиёна оид бошад, зан бояд ба шавҳараш итоат кунад ва аз имтиёзҳояш даст кашад.

Ҳангоме Петрус оид ба зани масеҳие мегӯяд, ки шавҳари ғайримасеҳӣ дорад, вай нисбати никоҳи имондор бо беимон бепарвоӣ зоҳир намекунад. Худо ҳеҷ гоҳ инро иҷозат надодааст. Расул пеш аз ҳама ҳолатҳоеро таҳқиқ мекунад, ки зан баъди никоҳ имон овардааст. Вазифаи зан аз он иборат аст, ки ҳатто ба шавҳари беимон мутеъ бошад.

**3,2** *Рафтори пок* ва эҳтиромонаи зан ба шавҳари беимон таассурот бахшида метавонад. рӯҳи Худо метавонад ҳаёти занро барои дар гуноҳ фош кардани шавҳар истифода барад ва боиси ба Масеҳ имон овардани вай шавад.

Ҷорҷ Мюллер дар бораи як олмонии сарватманде нақл мекунад, ки занаш имондори ҳақиқӣ буд. Ин мард хеле майпараст буд ва то бевақтии шаб дар трактир (ошхона) мемонд. Зан хизматгоронро барои хобидан фиристода, худаш то бозгаштани вай хоб намерафт, вайро меҳрубонона пешвоз мегирифт ва ҳеҷ гоҳ ҷанҷол ё шикоят намекард.

Баъзан ба зан лозим меомад либосҳои вайро кашад ва вайро ба ҷойгаҳ хобонад.

Боре шабона дар трактир вай ба дӯстони наздикаш гуфт: «Биёед шарт мебандем, ки ҳангоме ба хонаи ман равем, занам нишаста интизори ман хоҳад буд. Вай ба мо дарро мекушояд ва ба таври шоҳона пешвоз мегирад, ҳатто бароямон хӯроки шом тайёр мекунад, агар ман хоҳиш кунам».

Аввал дӯстон бовар накарданд, аммо қарор доданд, ки рафта боварӣ ҳосил кунанд. Ва дар ҳақиқат зан дарро кушод ва онҳоро хуш қабул кард, ва бе ягон эътироз розӣ шуд, ки барояшон хӯроки шом тайёр кунад. Дастурхонро ороста, зан ба ҳуҷраи худ рафт. Ҳамин ки зан рафт, яке аз меҳмонон ба сарзаниш кардани мард сар кард: «Ту чӣ хел мард ҳастӣ, ки бо ин зани хуб рафтори бад мекунӣ?» Айбдоркунанда хӯрокро ба анҷом нарасонда, хест ва аз хона рафт. Аз пайи вай дуюмӣ ва сеюмӣ баромад, ва ҳамин тавр ҳама, хӯрокро нахӯрда, рафтанд.

Дар давоми ним соат мард гуноҳкории худро ва хусусан муносибати сангдилонаашро нисбати занаш дарк кард. Вай ба ҳуҷраи занаш рафта, аз вай хоҳиш кард, ки барояш дуо кунад, аз гуноҳҳояш тавба кард ва назди Масеҳ омад. Аз ҳамон вақт вай шогирди вафодори Худованд Исо шуд. Вай бе ягон сухан ба даст оварда шуд!

Ҷорҷ Мюллер маслиҳат медод:

*Агар аз дасти хешовандони беимон азоб мекашида бошед, рӯҳафтода нашавед. Шояд, ба наздикӣ Худованд хоҳиши дили шуморо иҷро мекунад ва ба дуоятон оид ба онҳо ҷавоб медиҳад. Шумо бошед дар айни замон саъй кунед, ки ҳақиқатро ба онҳо расонед, барои ба шумо муносибати нодуруст доштанашон таъна назанед, балки ҳалимӣ, меҳрубонӣ ва раҳмдилии Худованд Исои Масеҳро зоҳир намоед.*[20]

**3,3** Метавонад чунин намояд, ки ин ҷо мавзуъ дигар мешавад ва ба либоси занона мегузарад, аммо амалан расул тасвир мекунад, ки зан ба шавҳар чӣ гуна ба таври беҳтарин писанд омада, хизмат карда метавонад. Ҳаёти ботинии зан, ки пур аз покӣ ва итоат аст, аз намуди зоҳирияш дида таъсири бештаре ба шавҳар мерасонад.

Аз ороишҳои зоҳирии гуногун бояд канораҷӯӣ кард:

1. *Гесу бофтан.* Баъзеҳо ақида доранд, ки ҳатто мӯйбофии хоксорона ҳам манъ аст. Аниқтараш, Петрус бар зидди

муйбофиҳои ниҳоят калон бо лентаҳои зиёд, ки дар Руми кадим маъмул буданд, баромад мекунад.

2. *Зевари тилло*. Баъзеҳо инро чун мутлақо манъ кардани ҳама гуна ороишоти заргарӣ меҳисобанд. Дигарон дар ин манъи ҷавоҳироти назаррабо ва аҷобатангезро мебинанд.
3. *Либосҳои зебо пӯшидан*. Яқинан, на пӯшоки одӣ, балки либосҳои тумтароқ мамнуъ мебошанд. Ишаъё 3,16-25-ро хонед, ва мефаҳмед, ки Худо оид ба ҳама намудҳои ороишҳои аҷобатангез чӣ фикр дорад.

---

## ЛИБОСИ МАСЕҲИЁНА

Дар интихоби либос ва ҷавоҳирот ҳамаи имондорон, ҳам мардон ва ҳам занон, бояд принсипҳои якхеларо пайравӣ кунанд. Принсипи якум арзиш аст. Мо барои либос чанд пул сарф мекунем? Оё ҳамаи он либосҳо ба мо заруранд? Пулҳоро ба таври беҳтар сарф кардан имкон дорад ё не?

Дар Номаи якум ба Тимотиюс 2,9 либоси пурқимат манъ карда шудааст: «... на бо либосҳои гаронбаҳо». Гап на дар он аст, ки мо ин гуна либосро ба худ иҷозат дода метавонем ё не. Барои либоси пурқимат пул сарф кардани масеҳӣ гуноҳ аст, чунки Каломи Худо инро манъ мекунад. Дилсӯзӣ низ зидди ин мебарояд. Аҳволи хеле вазнини наздиконамон дар кишварҳои дигар, эҳтиёҷоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии онҳо сангдилона будани сарфи зиёди пулро барои либос тасдиқ мекунанд.

Ин на танҳо ба сифати либоси мехаридаамон, балки ба миқдори он низ дахл дорад. Ҷевонҳои баъзе масеҳиён магазинҳо ё анборҳои либосро ба ёд меоваранд. Ҳангоме ки онҳо ба рухсатӣ мераванд, дар нишастгоҳи ақиби мошин меҳвареро насб мекунанд, ки дар он либосҳои зиёде овезонанд ва онҳо бо намунаҳои фурӯшандаи либос рақобат карда метавонанд.

Чаро мо чунин рафтор мекунем? Магар ин ғурур нест? Оид ба завқи баланд, намуди зоҳирии оличанобамон таърифу таҳсин шунидан ба мо маъқул аст. Хароҷот барои харидани либос танҳо як принсип аст, ки ҳангоми интихоби либос бояд ба он пайравӣ кунем.

Принсипи дуюм хоксорӣ аст. Павлус мегӯяд: «маҳҷубона ва боисмат». Яке аз маъноҳои калимаи «маҳҷубона» боодобона аст. Яке аз вазифаҳои либос пӯшонидани урёнии одам аст. Ақаллан дар аввал ҳамин тавр буд. Аммо акнун либос, аз афташ, барои бештар нишон додани хусусиятҳои анатомӣ муқаррар карда шудааст. Одам ҳамин тариқ бо шармандагии худ фахр мекунад. Ҳангоме ки ин корро беимонон мекунанд, боиси ҳайрат нест, аммо дидани он ки масеҳиён ба онҳо тақлид мекунанд, хеле нафратовар аст.

Аммо хоксорӣ дилчасп буданро низ ифода карда метавонад. Ин маънои онро дорад, ки масеҳӣ бояд тозаву озода либос пӯшад. Дар бесомонӣ ва чиркинӣ ҳеҷ фазилате нест. Освалд Чамберс гуфтааст, ки намуди бесомон доштан таҳқири Рӯҳулқудс аст. Либоси имондор бояд пок ва дарзмолкарда, дар ҳолати хуб ва андозааш муносиб бошад.

Умуман масеҳӣ бояд аз фасонҳои диққатҷалбкунанда канораҷӯӣ намояд. Ин мақсади ҳаётии вай нест. Вай дар замин на чун ороиш, балки чун навдаи ҳосилдиҳандаи Ток мебошад. Мо бо ҳар восита диққатро ба худ ҷалб карда метавонем. Либоси кӯҳна низ диққатро ҷалб мекунад. Масеҳӣ ҳамчунин бояд аз либоси беҳад кушода, назаррабо ё аҷиб канораҷӯӣ кунад.

Ниҳоят, масеҳӣ (ва ин метавонад барои имондори ҷавон мушкилии махсусе бошад) бояд аз либоси ношоиста ва бедоркунандаи эҳсосоти шаҳвонӣ канораҷӯӣ кунад. Мо аллакай фасонҳои кушодаро зикр кардем. Аммо либос метавонад тамоми баданро пӯшонад ва бо вуҷуди ин дар дигарон шаҳватро бедор кунад. Фасонҳои ҳозира барои рӯҳбаландкунии рӯҳоният муқаррар нашудаанд. Баръакс, онҳо шаҳватпарастии хоси замони моро ифода мекунанд. Имондор ҳеҷ гоҳ набояд либосе пӯшад, ки рағбатро бедор мекунад ё барои дигарон ҳаёти масеҳиёнаро душвор мегардонад.

Душвории калон, албатта, дар истодагарӣ кардан ба фишори сахти иҷтимоӣ аст. Ин ҳамеша воқеияти ҳаёт буд ва ҳаст. Масеҳӣ бояд сутунмуҳраи қавӣ дошта бошад, ки ба ифротҳои мӯд зиддият кунад, зидди ҷараёни афкори ҷамъиятӣ шино кунад ва худро чунон оро диҳад, ки шоистаи Хушхабар аст.

Агар мо Исоро Худованди ҷевони либоси худ кунем, ҳамааш хуб мешавад.

---

**3,4** Либосе ки имондоронро воқеан ҷолиби диққат менамояд, зебоии *одамияти ботинии самимӣ* мебошад. Ороиши замонавии муйсар, зеварҳои гаронбаҳо ва либоси зебо фонӣ мебошанд. Ин тазоди равшанро оварда, Петрус талаб мекунад, ки мо интихобе кунем. Ф. Б. Мейер мегӯяд: *«Бисёр одамоне ҳастанд, ки баданашон аз берун хуб оро дода шудааст, аммо моҳияти ботинияшон ҷандапӯш аст; аммо дигарон ҳастанд, ки либосашон кӯҳна шудааст, аммо ботинан онҳо олиҷанобанд»*.[21]

Одамон гумон мекунанд, ки ҷавоҳирот арзиш доранд. Худо чунин меҳисобад, ки ганҷи *рӯҳи ҳалиму сокит ... гаронбаҳо* мебошад.

**3,5** Занҳои парҳезгори Аҳди Қадим бо такмил додани зебоии ахлоқӣ ва рӯҳонии ҳаёти ботинӣ *худро оро медоданд*. Як ҷиҳати ин зебоӣ дар итоати бошуурона ба *шавҳарони худ* аст. Ин *занони муқаддас ... ба Худо умед доштанд*. Ҳаёти онҳо дар Худо марказонида шуда буд. Ба Ӯ дар ҳама чиз писанд омаданӣ шуда, онҳо тартиби муқарраркардаи Ӯро эътироф мекарданд ва *ба шавҳарони худ фармонбардор буданд*.

**3,6** Ин ҷо *Соро* мисол оварда шудааст. Вай *ба Иброҳим итоат намуда, ӯро хоҷа меномид*. Дар Ҳастӣ 18,12 мо мехонем, ки Соро ин суханро «дарунакӣ» талаффуз менамуд. Вай ба Иброҳим итоаткор будани худро дар ҳама ҷо бо овози баланд эълон намекард ва ӯро пеши ҳама хоҷа наменомид. Вай ботинан Иброҳимро сарвари худ эътироф намуд, ва ин эътироф дар амалҳои вай зоҳир мегардид.

Занҳое ки ба намунаи Соро пайравӣ мекунанд, фарзандони вай мебошанд. Занони яҳудӣ авлодони Соро аз рӯи зода шудан мебошанд. Аммо барои ба маънои беҳтарин *фарзандони* вай шудан онҳо бояд ба рафтори вай пайравӣ кунанд. Фарзандон бояд ба волидони худ монанд бошанд.

Онҳо бояд *некӣ кунанд* ва аз ҳеҷ гуна тарс ба изтироб наоянд. Яъне зани масеҳӣ бояд нақши аз ҷониби Худо бароящ муқарраршудаи ёрдамчии итоаткорро иҷро кунад ва натарсад, ҳатто агар ба рафтори бехирадонаи шавҳари беимонаш тоб овардан лозим ояд, албатта, ба ғайр аз он ҳолатҳое ки он ба зӯроварӣ мегузарад ва ба ҳаёт таҳдид мекунад.

## Ғ. Шавҳар ба зан бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,7)

**3,7** Акнун расул ба *шавҳарон* муроҷиат мекунад ва ба вазифаҳои муайяне ки онҳо бояд иҷро кунанд, ишора мекунад. Онҳо бояд дар ҳаққи занони худ ғамхорӣ карда, муҳаббат, илтифот ва *бомулоҳизагӣ* зоҳир намоянд. Онҳо бояд ба занон чун ба намояндагони ҷинси *заифтар* меҳрубонона муносибат намоянд.

Дар рӯзҳои мо, ҳангоме ки ҳаракати феминистӣ дар авҷ аст, чунин намуда метавонад, ки Китоби Муқаддас оид ба *зарфҳои заифтар* сухан ронда, гӯё ҳамқадами замон нест. Аммо он факт, ки зани одӣ ҷисман аз мард *заифтар* аст, исбот наметалабад. Ҳамчунин, умуман, вай ҳиссиёти худро ба монанди мард идора карда наметавонад, ва аксаран назар ба фикрронии хирадмандонаи мантиқӣ бештар ба хуруҷҳои эҳсосотӣ пайравӣ мекунад. Зан дар таҳлили масъалаҳои амиқи илоҳиёт суст аст. Ва умуман зан назар ба мард бештар вобаста аст.

Аммо аз бисёр ҷиҳатҳо *заифтар* будани зан маънои онро надорад, ки вай аз мард пасттар аст; Китоби Муқаддас тамоман инро дар назар надорад. Ҳамчунон ин маънои онро надорад, ки вай ҳақиқатан дар баъзе соҳаҳо қавитар ва босалоҳияттар буда наметавонад. Одатан занҳо ба Масеҳ назар ба мардҳо бештар вафодоранд. Ва онҳо одатан дарди давомнок ва вазъиятҳои вазнинро бештар пурсаброна таҳаммул мекунанд.

Шавҳар бояд эътироф намояд, ки зан низ ба монанди вай *ҳамирси файзи ҳаёт* аст. Ин ҷо оилае дар назар дошта шудааст, ки дар он ҳар ду ҳамсарон имондоранд. Зан аз ягон ҷиҳат назар ба шавҳар заифтар аст, аммо вай аз мавқеи баробар дар назди Худо ҳаловат мебарад, ва шарики баробари атои ҳаёти ҷовидонӣ мебошад. Ҳамчунин зан барои ба дунё овардани ҳаёти нав бештар аз шавҳараш ҷалб гардидааст.

Ҳангоме ки байни ҳамсарон ихтилофот вуҷуд доранд, барои *дуо* монеа пайдо мешавад. Бигг мегӯяд: «Ҳангоме ки Худо дуоҳои шавҳарро мешунавад, оҳ кашиданҳои зани ранҷида халалҳо ба вуҷуд меоранд».[22] Агар чизе мушоракати онҳоро вайрон кунад, якҷоя дуо кардани ҷуфти оилавӣ душвор мешавад. Ба хотири осоиш ва беҳбудӣ дар хона муҳим

аст, ки шавҳару зан якчанд қоидаҳои асосиро риоя кунанд:

1. Комилан софдил будан, то барои боварии тарафайн асосе бошад.
2. Хатти алоқаро озод нигоҳ доштан. Барои ба вазъият сарфаҳм рафтан доимо тайёр будан лозим аст. Ҳангоме ки дар дег буғ ҷамъ мешавад, ҳатман таркиш рӯй медиҳад. Муайян кардани муносибатҳо бо омодагӣ «Ман таассуф мехӯрам, маро бубахш» гуфтани ҳар яке ва шояд на як бор бахшиданро дар бар мегирад.
3. Ба хатоҳои ночиз ва одатҳои ба худ хос аҳамият надодан. Муҳаббат гуноҳҳои зиёдеро мепӯшонад. Агар худатон барои комил будан тавон надошта бошед, аз дигарон камолотро талаб накунед.
4. Кӯшиш кунед, ки дар масъалаҳои молиявӣ ҳамфикр бошед. Аз хароҷоти зиёд, бо қарз харидан ва кӯшиши «аз ҳамсоя ақиб намондан» худдорӣ кунед.
5. Дар ёд нигоҳ доред, ки муҳаббат на эҳсоти беназорат, балки амр аст. Муҳаббат ҳамаи он чиро дар бар мегирад, ки дар боби 13-уми 1Қуринтиён тасвир шудааст. Масалан, муҳаббат боилтифот аст; он шуморо аз танқиди ҳамсар ё мухолифат бо вай дар пеши назари дигарон нигоҳ медорад. Муҳаббат шуморо аз ҷанҷол дар ҳузури кӯдакон нигоҳ медорад, зеро медонед, ки ин ҳисси бехатарии онҳоро барҳам зада метавонад. Дар ин ва садҳо ҳодисаҳои дигар муҳаббат дар оила муҳити хушбахтиро барпо намуда, душманиву ҷудоиро дур меандозад.

### Д. Бародар ба бародарӣ бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,8)

**3,8** Аз даъват ба ягонагӣ ва муҳаббати бародарӣ маълум аст, ки ин оятҳо пеш аз ҳама ба масеҳӣ ва муносибати вай бо ҷамоат дахл доранд. Се даъвати дигари боисрор метавонанд истифодаи васеътаре дошта бошанд.

Калимаи *«ниҳоят»* онро дар назар надорад, ки Петрус Номаи худро анҷом доданист. Вай ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ – ба хизматгорон, занон ва шавҳарон муроҷиат мекард. Акнун, дар хотима, вай ба *ҳамаи* мо муроҷиат мекунад.

*Ҳамаатон ҳамфикр бошед.* Ин маънои онро надорад, ки масеҳиён нисбати ҳамаи ашёҳо нуқтаи назари якхела хоҳанд дошт. Ин на ягонагӣ, балки якхелагӣ мебуд. Тасвияи беҳтарин дар ин суханон аст: «Дар чизи асосӣ – ягонагӣ, дар дуюмдараҷа – озодӣ, дар ҳама чиз – муҳаббат».

Мо бояд нисбати якдигар *ҳамдард* бошем. Ин маънои «ҳамроҳ азоб кашидан»-ро дорад, ва ин насиҳат махсусан ба онҳое даркор аст, ки таъқиб карда мешаванд. Маслиҳат дар ҳамаи замонҳо муфид аст, чунки ҳеҷ кас ва ҳеҷ гоҳ аз азоб озод карда нашудааст.

*Бародардӯст бошед.* Муаллифи номаълум менависад:

*Қазову қадар моро намепурсад, ки киро бародари худ дидан мехоҳем, инро ба ҷои мо ҳал кардаанд; аммо ба мо фармуда шудааст, ки нoвобаста ба майлу завқамон онҳоро дӯст дорем. Шумо мегӯед, ки ин ғайриимкон аст. Аммо дар ёд нигоҳ доред, ки муҳаббати ҳақиқӣ на ҳамеша бо эҳсосот сар мешавад, балки ба ирода вобаста аст; он на бо ҳиссиёт, балки бо корҳо; на бо суханони меҳрубонона, балки бо рафтори наҷибона ва беғаразона муайян карда мешавад.*

*Дилсӯз бошед* – яъне доштани диле ки ба эҳтиёҷот ва ҳиссиёти дигарон ҳассос аст. Он ба беинсофӣ нигоҳ накарда, хунук, сахт ва беор шудан намехоҳад.

*Меҳрубон* (ё боназокат) *бошед.*[23] Хеле мувофиқ менамояд, ки ин мафҳумро чун яке аз фазилатҳои масеҳиёна таълим додан лозим аст. Аслан, он маънои «бо фурӯтанӣ оид ба дигарон фикр кардан», «дигаронро аз худ боло ҳисобидан», «гуфтан ва кардани корҳои раҳмдилӣ»-ро дорад. Меҳрубонӣ пеш аз худ ба дигарон хизмат мекунад, ҳама гуна имконияти ёрӣ доданро меҷӯяд ва барои некӣ фавран миннатдорӣ баён мекунад. Он ҳеҷ гоҳ дағал, дурушт ва беназокат намешавад.

### Е. Ситамдида бо таъқибкунандагон бояд чӣ гуна муносибат кунад (3,9–4,6)

**3,9** Ин Нома дар муҳити таъқибот ва азобҳо навишта шудааст. Аз ҳамин оят то боби 4,6 сухан оид ба масеҳӣ ва муносибати вай ба таъқибкунандагон меравад. Ба имондорон борҳо маслиҳатҳои боисрор дода мешаванд, ки ба

хотири ҳақиқат азоб кашида, чораҳои ҷавобӣ наандешанд. Мо бояд *дар ивази бадӣ бадӣ на-кунем, ё дар ивази дашном дашном надиҳем.* Ба ҷои ин мо бояд озордиҳандагонамонро баракат диҳем ва дар ивази таҳқир некӣ кунем. Чун масеҳиён, мо даъват шудаем, ки ба одамон на бадӣ, балки некӣ кунем, на лаънат, балки дуои хайр гӯем. Он гоҳ Худо ба рафтори мо бо *баракат* ҷавоб медиҳад.

**3,10** Дар оятҳои 10-12 Петрус ба Забур 33,13-17 ишорат мекунад ва тасдиқ мекунад, ки онҳое ворисони баракати Худо мешаванд, ки аз корҳои бад худдорӣ карда, росткорона рафтор мекунанд.

Қувваи ояти аввал дар ин аст: касе ки тамоми пуррагии *ҳаётро* дӯст медорад ва мехоҳад рӯзҳои нек бинад, бояд аз *бадгӯӣ* ё гуфтори *фиребанда* худдорӣ кунад. Вай на-бояд дар ҷавоби таҳқирҳо ҳамон гуна ҷавоб диҳад.

Дар Юҳанно 12,25 *дӯст доштани ҳаёт* маҳкум карда мешавад, аммо он ҷо ҳаёт барои нафъи худ ва беэътиноӣ ба мақсади асосии ҳаёт дар назар дошта шудааст. Аммо ин ҷо оид ба ҳаёте гуфта мешавад, ки таъйиноти Худоро ба ҷо меоварад.

**3,11** На танҳо суханони бад, балки корҳои *бад* низ мамнуъ мебошанд. Чораҳои ҷавобӣ мухолифатро бадтар мекунанд. Истифодаи воситаҳои дунявии худҳимоякунӣ кори паст аст. Имондор бояд ба *бадӣ* бо *некӣ* ҷавоб диҳад ва таҳқирҳоро бо фурӯтанӣ таҳаммул намуда, *осоиштагиро* ҷӯяд. Оташро бо оташ хомӯш кардан имкон надорад.

*«Роҳи ягонаи бартараф намудани бадӣ – ба Ӯ имкони бо роҳи худ рафтанро додан аст, то ба муқобилате ки дар ҷустуҷӯяш аст, дучор нашавад. Муқобилат бадии бештареро тавлид мекунад ва ба оташ равған мерезад. Аммо ҳангоме ки бадӣ ба ҳеҷ гуна мухолифат дучор намешавад, ва на ба монеаҳо, балки бо тобоварии пурсаброна рӯ ба рӯ мешавад, неши он канда мешавад ва он ниҳоят бо ҳарифе дучор мешавад, ки аз он қавитар аст. Албатта, ин танҳо дар он ҳолате ба амал омада метавонад, ки камтарин хоҳиши муқобилат кардан партофта шудааст, ҳангоме ки пурра аз қасос даст кашидан ба даст омадааст. Он гоҳ бадӣ барои худ ҳадаф намеёбад, бадии минбаъдаро ба вуҷуд оварда наметавонад ва бесамар мемонад» («Мунтахабот»).*

**3,12** *Худованд* ба онҳое ки дуруст рафтор мекунанд, ризомандона менигарад. Ӯ ба *дуоҳои онҳо* диққат медиҳад. Албатта, Худо дуоҳои ҳамаи одамони Худро мешунавад. Аммо Ӯ ба дуоҳои онҳое ки ба хотири Масеҳ азоб мекашанд ва дар ҷавоби бадӣ бадӣ намекунанд, бо диққати махсус гӯш мекунад.

*Рӯи Худованд ба муқобили бадкорон аст.* Ин пеш аз ҳама ба таъқибкунандагони халқи Ӯ дахл дорад. Аммо ин ҳамчунин метавонад имондоронеро ифода кунад, ки ба ҳарифони худ бо зӯроварии ҷисмонӣ ва тундзабонӣ ҷавоб медиҳанд. *Бадӣ* бадист, ва Худо ҳар ҷое ки бадиро пайдо кунад, муқобили он мебарояд, хоҳ он дар одами наҷотёфта бошад, хоҳ ҳалокшаванда.

Ба Забур 33,17 истинод намуда, Петрус суханони хотимавиро намеорад: «... то ки зикри онҳоро аз замин маҳв намояд». Ин гуна соқит кардани як қисми матн саҳв набуд. Мо дар замони файзи махсуси Худо зиндагӣ мекунем, ин замони Худованд мусоид аст. Рӯзи ғазаби Худованди мо ҳанӯз фаро нарасидааст. Ҳангоме ки Худованд Исо чун Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон бозмегардад, Ӯ бадкоронро ҷазо медиҳад ва аз рӯи замин зикри онҳоро нест мекунад.

**3,13** Петрус далелҳои худро бо чунин савол давом медиҳад: *«Ва кист, ки ба шумо бадӣ кунад, агар дар пайи некӯкорӣ бошед?»* Ҷавобе ки дар назар дошта шудааст, ин аст: «Ҳеҷ кас». Аммо ба ҳар ҳол таърихи риёзаткашон, аз афташ, исбот мекунад, ки душманони Хушхабар ба шогирдони вафодор бадӣ мекунанд.

Камаш ду маънидоди ин парадокс вуҷуд дорад:

1. Умуман, ба ононе ки бо роҳи ростакорӣ мераванд, зарар расондан имкон надорад. Сиёсати муқобилат накардан душманро бесилоҳ мекунад. Истисноҳо буда метавонанд, аммо одатан касе ки ба ростакорӣ кӯшиш мекунад, маҳз бо камолоти худ аз бадӣ дар амон аст.
2. Бадтарин чизе ки ҳариф бо масеҳӣ карда метавонад, ба вай зарари абадӣ намерасонад. Душман бадани вайро маъюб карда метавонад, аммо ҷонро маъюб намекунад.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ писарбачаи 12-солаи масеҳӣ нахост ба яке аз ҳаракатҳо дар Аврупо ҳамроҳ шавад. Ба вай гуфтанд:

«Магар ту намедонӣ, ки мо ихтиёр дорем туро бикушем?». Писарбача оромона гуфт: «Шумо намедонед, ки ман ихтиёр дорам барои Масеҳ бимирам!» Вай боварӣ дошт, ки ҳеҷ кас ба вай зарар расонда наметавонад.

**3,14** Аммо фарз мекунем, ки масеҳӣ барои ба Наҷотдиҳанда вафодор буданаш бояд аз таъқибот *азоб* кашад. Он гоҳ чӣ? Се натиҷаи азобҳо ҳаст:

1. Худо азобҳоро ба ҷалоли Худ бармегардонад.
2. Ӯ азобҳоро ба кор мебарад, то ба дигарон баракат оварад.
3. Ӯ азобкашандагонро ба номи Худ баракат медиҳад.

Аз одамон натарсед ва аз таҳдидҳои онҳо музтариб нашавед. Чунин тарзи рафтор барои риёзаткашон дар ҳаёт хеле фоида мерасонд! Ҳангоме ба Поликарп гуфтанд, ки агар Масеҳро ҳақорат диҳад, озодаш мекунанд, вай гуфт: «Ман ба Масеҳ 86 сол хизмат кардам, ва Ӯ ба ман ҳеҷ гоҳ бадӣ накардааст. Чӣ гуна ман дар ҳаққи Подшоҳ ва Наҷотдиҳандаи худ бадгӯӣ кунам?» Ҳангоме ҳоким гуфт, ки вайро назди ҳайвоноти ваҳшӣ мепартояд, вай ҷавоб дод: «Барои ман фақат беҳтар хоҳад буд, ки аз ин зиндагии ҳақирона халос шавам». Ниҳоят, ҳоким таҳдид кард, ки вайро зинда ба зинда оташ мезанад, Поликарп гуфт: «Ман аз оташе ки зуд сӯхта тамом мешавад, наметарсам; шумо оташеро намедонед, ки ҷовидона месӯзад».

**3,15** Дар қисми охири ояти 14 ва дар ин оят Петрус ба Ишаъё 8,12.13 истинод менамояд: «Аз он чи онҳо метарсанд, натарсед, ва бим надошта бошед. Худованди лашкарҳоро, танҳо Ӯро, тақдис намоед, ва Ӯ тарси шумо бошад, ва Ӯ бими шумо бошад!» Касе гуфтааст: «Мо аз Худо на он қадар метарсем, чунки аз одам хеле метарсем».

Ишаъё оид ба «Худованди лашкарҳо» мегӯяд, ки ба Ӯ бо тарси эҳтиромона муносибат намудан лозим аст. Петрус, ба ин ҷой ишора намуда, таълим медиҳад, ки бо илҳоми *Рӯҳулқудс Худованд Худоро*[24] *дар дилҳои худ муқаддас гардонем.*

Эҳтиром намудани Худованд – яъне Ӯро ҳукмфармои ҳаётҳои мо намудан аст. Ҳар он чи мо мегӯем ва мекунем, бояд ба хости Ӯ, хоҳиши Ӯ мувофиқат кунад ва Ӯро ҷалол диҳад. Ҳукмфармоии Масеҳ бояд ба ҳар як соҳаи ҳаёти мо паҳн шавад – моликияти мо, машғулиятҳои мо, китобхонаи мо, ҳаёти оилавӣ, вақти бекорӣ – ҳеҷ чиз набояд истисно бошад.

*Ҳамеша тайёр бошед, ки ба касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед.* Пеш аз ҳама ин суханон ба замонҳое дахл доранд, ки дар онҳо масеҳиён барои имон ба таъқиб дучор мешаванд. Дарки ҳузури Худованд Исо бояд ба онҳо шуҷоати муқаддас медод ва онҳоро барои шаҳодат додан оид ба эътиқоди неки худ илҳом мебахшид.

Оят барои ҳаёти ҳаррӯза низ қобили истифода аст. Одамон аксаран ба мо саволҳое медиҳанд, ки ба таври табиӣ имкон медиҳанд оид ба Худованд ба онҳо шаҳодат диҳем. Мо бояд *тайёр* бошем оид ба он корҳои азиме ки Худованд барои мо кардааст, нақл кунем. Аммо дар ҳар ҳолат бо ҳалимӣ ва эҳтиром шаҳодат додан лозим аст. Ҳангоме ки мо оид ба Наҷотдиҳанда ва Худовандамон сухан меронем, ҳеҷ дуруштӣ, тундӣ ё густохие набояд бошад.

**3,16** Имондор бояд *виҷдони пок* дошта бошад. Вай метавонад таъқиботро бо ҷасорати шер паси сар намояд, зеро медонад, ки дар ҷинояте айбдор нест. Аммо агар виҷдонаш нопок бошад, вайро ҳисси айбдорӣ азоб медиҳад ва вай ба душман муқобилат карда наметавонад. Ҳатто агар ҳаёти имондор беайб бошад, бо вуҷуди ин душманони Хушхабар вайро айбдор карда, бар зидди вай шаҳодати бардурӯғ хоҳанд дод. Аммо ҳангоме ки кор ба мурофиа оид мешавад ва бардурӯғ будани айбдоркуниҳо маълум мешавад, айбдоркунандагон *шарманда мешаванд.*

**3,17** Агар *азоб* кашидани масеҳӣ лозим ояд, ки инро Худо баъзан бо иродаи Худ роҳ медиҳад, пас бояд *барои корҳои нек* азоб кашад. Аммо агар азобҳои вай аз боиси ҷиноятҳои худаш бошанд, дар ин ҳеҷ некӯкорӣ нест.

**3,18** Дар оятҳои боқимондаи боби 3 *Масеҳ* чун намунаи классикии Он Касе муаррифӣ мешавад, ки барои росткорӣ *азоб кашид* ва ба мо ёдрас мекунад, ки барои Ӯ азоб роҳ ба сӯи ҷалол буд.

Ба шаш хусусияти азобҳои Ӯ аҳамият диҳед:

1. Онҳо кафоратkунанда буданд, яъне гуноҳкорони имондорро аз ҷазо барои *гуноҳ* озод карданд.

2. Онҳо барои ҳамаи замонҳо таъсирбахш буданд. Ӯ барои ҳама мурд ва масъалаи *гуноҳро* ҳал кард. Кори наҷот иҷро шуд.
3. Онҳо ивазкунанда буданд. Росткор барои бадкорон мурд. «Худованд гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд» (Иш. 53,6).
4. Онҳо оштидиҳанда буданд. Ба воситаи марги Ӯ мо назди *Худо* омада метавонем. Гуноҳе ки сабаби ҷудоӣ шуда буд, бартараф гардид.
5. Онҳо пуразоб буданд. Марги Ӯ натиҷаи қатл буд.
6. Ниҳоят, растохез нуқтаи авҷи азобҳои Ӯ гардид. Ӯ дар рӯзи сеюм аз мурдагон бархост. *«Ба воситаи Рӯҳ зинда гардид»* маънои онро дорад, ки растохези Ӯ бо қувваи Рӯҳулқудс амалӣ гардид.

**3,19** Оятҳои 19 ва 20 яке аз матнҳои пурмуаммои Инҷил мебошанд. Онҳо барои пайдо шудани чунин таълимоти ғайрибиблиявӣ, ба монанди аъроф аз як тараф, ва наҷоти умумӣ аз тарафи дигар, баҳона шуданд. Аммо дар байни масеҳиёни инҷилӣ ду тафсир қабул шудааст.

Мувофиқи аввалинаш, дар давраи байни марг ва растохез Масеҳ дар рӯҳ ба дунёи мурдагон (ибр. «ҳадес») фаромад ва оид ба тантанаи қаҳрамонии бузурги Худ дар салиб эълон намуд. Дар байни масеҳиёне ки ин ақидаро пайравӣ мекунанд, ҳамфикрие оид ба он нест, ки *рӯҳҳо дар зиндон* имондорон, беимонон ё ҳам ину ҳам он буданд. Аммо онҳо бо он розиянд, ки Худованд Исо ба ин рӯҳҳо Хушхабарро мавъиза намекард. Вагарна аз ин ҷо таълимоте оид ба «имконияти дуюм» бармеомад, ки дар Навиштаи Муқаддас тасдиқ намеёбад. Тарафдорони ин тасаввурот аксаран ин ҷойро бо Эфсусиён 4,9 алоқаманд мекунанд, ки он ҷо Худованд чун «ба ҷойҳои пасттари замин фуруд омада» қаламдод шудааст. Онҳо ба ин суханон чун ба боз як исботи он ишора мекунанд, ки вай ба дунёи мурдагон дар ҳолати беҷисм фаромад ва оид ба ғалабаи Худ дар Ҷолҷолто эълон намуд. Онҳо ҳамчунин ба суханони Эътирофи имони расулон ишора мекунанд: «ва ба дӯзах фаромада ...».

Маънидоди дуюм ин калимаҳоро ба ҳодисаҳои айёми Нӯҳ, ки Петрус тасвир намудааст, дахлдор менамояд. Маҳз рӯҳи Масеҳ ба воситаи Нӯҳ ба насли беимонон пеш аз туфон мавъиза мекард. Он вақт онҳо на рӯҳҳо дар ҳолати беҷисм, балки мардон ва занони зиндае буданд, ки аз огоҳкунии Нӯҳ сар печиданд ва аз ҳамин сабаб аз обхезӣ ҳалок гардиданд. Акнун онҳо *рӯҳҳо дар зиндони* дунёи мурдагон мебошанд.

Нуқтаи назари дуюм ба матн бештар мувофиқат мекунад ва бинобар ин мушкилоти камтареро ба миён меорад. Биёед ин оятро ибора пайи ибора таҳлил намоем.

*Дар ҳамон рӯҳ Ӯ рафта, ба рӯҳҳо, ки дар зиндонанд, мавъиза намуда буд.* Дар нусхаи асл *«Дар* он *Ӯ рафта ба рӯҳҳо, ки дар зиндонанд, мавъиза намуда буд»* мебошад. Ҷонишини «он» возеҳан ба рӯҳ дар охири ояти 18 дахл дорад. Мо мефаҳмем, ки Рӯҳулқудс дар назар дошта шудааст. Дар боби 1,11-и ин Нома рӯҳи Масеҳ, яъне Рӯҳулқудс, чун гӯянда ба воситаи пайғамбарони Аҳди Қадим тасвир ёфтааст. Дар Ҳастӣ 6,3 низ Худо оид ба рӯҳи Худ, яъне оид ба Рӯҳулқудс мегӯяд, ки аз боиси гуноҳкории одамоне ки пеш аз туфон мезистанд, косаи сабраш лабрез шуда буд.

*Рафта мавъиза намуд.* Чунон ки зикр шуда буд, маҳз Масеҳ мавъиза мекард, аммо ба воситаи Нӯҳ. Дар 2Петрус 2,5 Нӯҳ «воизи ростткорӣ» номида шудааст. Калима бо ҳамин реша ин ҷо барои тасвири мавъизаи Масеҳ истифода мешавад.

*Ба рӯҳҳо, ки дар зиндон буданд.* Ҳангоме ки Нӯҳ мавъиза мекард, ин одамон мардон ва занони зинда буданд, ки огоҳкунӣ оид ба туфони меомада ва ваъдаи наҷот дар киштиро шунида буданд. Онҳо ин хабарро рад карданд ва ҳангоми обхезӣ ҳалок шуданд. Акнун онҳо *рӯҳҳои* беҷисм ҳастанд, ки дар интизори доварии ниҳоӣ *дар зиндон* азоб мекашанд.

Ҳамин тариқ, оятро муфассалтар чунин баён кардан мумкин аст: *«Дар рӯҳ* (Рӯҳулқудс) Ӯ (Масеҳ) *ба рӯҳҳо, ки дар зиндон* («ҳадес») *буданд, рафта мавъиза намуд* (ба воситаи Нӯҳ)».

Аммо мо чӣ ҳақ дорем одамонеро, ки дар айёми Нӯҳ мезистанд, *рӯҳҳо дар зиндон* ҳисобем? Ҷавобро дар ояти оянда меёбем.

**3,20** Ин ҷо рӯҳҳо дар зиндон ошкоро зикр шудаанд. Онҳо киҳо буданд? Онҳое ки *пештар беитоат буданд.* Кай онҳо *беитоат буданд? Вақте ки Худо дар айёми Нӯҳ пурсаброна интизорӣ мекашид, ҳангоме ки киштӣ сохта мешуд.* Натиҷаи ниҳоӣ чӣ гуна буд?

Фақат *мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд.*

Ин ҷо таваққуф намуда, фикри асосии ин Номаро ба ёд овардан лозим аст, ки дар муҳити умумии таъқибот навишта шудааст. Масеҳиёне ки Петрус барояшон менавишт, аз боиси ҳаёт ва шаҳодати худ дучори таъқиб буданд. Шояд онҳо ба худ саволе медоданд: Агар имони масеҳӣ дуруст бошад, чаро онҳо бояд на подшоҳӣ кунанд, балки азоб кашанд? Агар масеҳият имони ҳақиқӣ бошад, чаро масеҳиён ин қадар каманд?

Ба саволи якум ҷавоб дода, Петрус ба Худованд Исои Масеҳ ишора мекунад. Масеҳ барои ҳақиқат то худи марг азоб кашид. Аммо Худо Ӯро аз мурдагон зинда кард ва дар осмонҳо ҷалол бахшид (ниг. о. 22). роҳ ба сӯи ҷалол ба воситаи водии азобҳо мегузарад.

Сипас Петрус ба *Нӯҳ* рӯ меоварад. Дар давоми 120 сол ин воизи содиқ оид аз он огоҳӣ медод, ки Худо ҷаҳонро бо об нобуд карданист. Ба ҷои сипосгузорӣ нафрат ва рад кардан насиби вай буд. Аммо Худо вайро сафед кард ва ҳамроҳи оилааш аз туфон наҷот дод.

Он гоҳ саволе боқӣ мемонад: «Агар ҳақ ба ҷониби мо бошад, чаро мо ин қадар кам ҳастем?» Петрус ҷавоб медиҳад: «Замоне буд, ки дар тамоми ҷаҳон танҳо ҳашт нафар ҳақ буданд ва тамоми боқимондагон – ноҳақ!» Чун қоида, дар таърихи ҷаҳон аксарият ноҳақ аст. Одатан имондорони ҳақиқӣ каманд, бинобар ин имон набояд аз боиси миқдори ками наҷотёфтагон музтариб шавад. Дар айёми Нӯҳ фақат *ҳашт* имондор буданд; имрӯзҳо онҳо миллионҳо нафаранд.

Дар охири ояти 20 мехонем, ки *мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд.* Об ин ҷо чун доварӣ хизмат мекард, ки Худо онҳоро аз он саломат гузаронд.

Барои дуруст фаҳмидани ин тасдиқот ва ояти баъдина мо бояд маънои рамзии киштӣ ва туфонро бинем. Киштӣ рамзи Худованд Исои Масеҳ мебошад. Обҳои туфон рамзи доварии Худо мебошанд. Киштӣ ягона роҳи наҷот буд. Ҳангоме ки туфон сар шуд, танҳо шахсоне ки дар даруни киштӣ буданд, наҷот ёфтанд; ҳамаи онҳое ки берун аз он буданд, ҳалок шуданд. Ҳамин тариқ, Масеҳ ягона роҳи наҷот аст; онҳое ки дар масеҳанд, дар бехатарии комил мебошанд, ки Худи Худо кафолат додааст. Онҳое ки берун аз киштӣ буданд, дар ҳолати ҳалокатовартар буда наметавонистанд.

Об воситаи наҷот набуд, зеро ҳамаи онҳое ки дар об буданд, ғарқ шуданд. Киштӣ паноҳгоҳ буд. Киштӣ дар оби доварӣ шино мекард, вай шиддати асосии туфонро ба худ гирифт. Ягон қатра об ба даруни киштӣ надаромад. Ҳамин тариқ, Масеҳ барои гуноҳҳои мо дучори ғазаби доварии Худо гардид. Онҳое ки дар Ӯ мебошанд, ҳеҷ доварӣ карда намешаванд (Юҳ. 5,24).

Об дар зери киштӣ буд, он аз боло бар вай мерехт, он аз ҳама тараф киштиро иҳота карда буд. Аммо киштӣ сокинони худро *аз об* ба бехатарӣ дар байни офаридаи навшуда мебурд. Ҳамин тавр шахсоне ки ба Наҷотдиҳанда боварӣ мекунанд, баҳри марг ва вайрониро бо муваффақият гузашта, ба замини растохез ва ҳаёти нав мерасанд.

**3,21** *Ва тимсоли он таъмид аст, ки ... акнун моро низ ... наҷот медиҳад.* Боз як бор мо ба ҳудуди душвор ва баҳснок афтодем. Ин оят майдони муҳориба байни онҳое мебошад, ки оид ба растохез ба воситаи таъмид таълим медиҳанд, ва онҳое ки қувваи наҷотдиҳандаи таъмидро рад мекунанд.

---

## ТАЪМИД

Биёед аввал аз назар гузаронем, ки таъмид маънои чиро дошта метавонад, ва баъд – чиро наметавонад.

Ҳақиқатан, таъмиде ҳаст, ки моро наҷот медиҳад,– на таъмиди мо дар об, балки таъмиде ки қариб ду ҳазор сол пеш дар Ҷолҷолто ҷой дошт. Марги Масеҳ таъмид буд. Ӯ дар обҳои доварӣ таъмид ёфт. Ӯ маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме мегуфт: «Маро таъмиде дар пеш аст, таъмиде ки бояд ёбам; ва чӣ қадар дар изтироб ҳастам, то даме ки ин ба амалояд!» (Луқ. 12,50). Сарояндаи Забур ин таъмидро чунин тасвир кардааст: «Варта вартаро бо овози шаршараҳои Ту даъват менамояд; ҳамаи туғёнҳо ва мавҷҳои Ту бар ман гузаштааст» (Заб. 41,8). Масеҳ дар марги Худ дар обҳо ва мавҷҳои ғазаби Худо таъмид ёфт, ва маҳз ҳамин таъмид асоси наҷоти мост.

Аммо мо бояд марги Ӯро барои худ қабул кунем. Ҳамон тавре ки Нӯҳ ва оилааш барои

наҷот ёфтан мебоист ба киштӣ медаромаданд, мо низ бояд ба Худованд чун ба ягона Наҷотдиҳандаамон умед бандем. Танҳо ҳамон вақт мо бо Ӯ дар марг, дафн ва растохезаш якҷоя мешавем. Он гоҳ ба маънои аслитарин мо бо Ӯ ба салиб кашида мешудем (Ғал. 2,20), бо Ӯ дафн мешудем (Рум. 6,4) ва бо Ӯ ба ҳаёти навшуда зинда мегардидем (Рум. 6,4).

Ҳамаи ин дар таъмиди имондор инъикос меёбад. Маросим рамзи берунии он чизест, ки дар ҳаёти рӯҳонӣ ба амал омадааст; мо ба марги Масеҳ таъмид ёфтем. Ба об ғӯтавар шуда, мо бо Ӯ дафн шуданамонро эътироф мекунем. Аз об баромада, мо нишон медиҳем, ки бо Ӯ зинда шудаем ва мехоҳем дар ҳаёти навшуда қадамгузор бошем.

Тимсоли наҷоти мо таъмидест, ки рамзи таъмиди Масеҳ ба марг дар салиб ва ҳамонанд шудани мо бо Ӯ дар марги Ӯ мебошад, ки бо таъмиди обӣ ифода ёфтааст.

Оят наметавонад онро дар назар дошта бошад, ки мо наҷотро дар натиҷаи таъмиди маросимӣ дар об ба даст меоварем, чунки:

1. Ин на Худованд Исоро, балки обро Наҷотдиҳанда месохт. Аммо Ӯ гуфтааст: «Ман роҳ ҳастам ...» (Юҳ. 14,6).
2. Бо ин дар назар дошта мешуд, ки Масеҳ беҳуда мурдааст. Агар одамон бо об наҷот ёфта тавонанд, мурдани Худованд Исо чӣ даркор буд?
3. Ин гуна тасвир бо ҳаёт тасдиқ намегардид. Бисёр таъмидёфтагон бо ҳаёти минбаъдаи худ нишон доданд, ки ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд.

Ҳамчунин ин оят дар назар надорад, ки мо бо имон ба иловаи таъмид наҷот меёбем.

1. Чунин маънидод дар назар медошт, ки кори Наҷотдиҳанда дар салиб кофӣ набуд. Ҳангоме вай фарёд зад: «Иҷро шуд!», он гоҳ бо такя ба ин тасаввурот, ин гуфтаи Ӯ ба ҳақиқат мувофиқат намекард, зеро ба кори наҷот, ки Ӯ анҷом дод, таъмидро низ илова кардан лозим меомад.
2. Агар наҷот бе таъмид ғайриимкон бошад, пас аҷиб аст, ки Худи Худованд ҳеҷ касро таъмид надодааст. Юҳанно 4,1.2 изҳор менамояд, ки Исо пайравони Худро таъмид намедод; шогирдони Ӯ таъмид медоданд.
3. Расул Павлус Худоро барои он шукргузорӣ мекард, ки миқдори ками қуринтиёнро таъмид додааст (1Қур. 1,14-16). Агар таъмид барои наҷот ин қадар аҳамиятнок бошад, ин гуна шукргузории муждабар аҷиб мебуд! Баъзеҳоро дар ҳақиқат таъмид додани Павлус аз он дарак медиҳад, ки вай таъмиди имондоронро таълим медод; аммо миқдори ками одамонро таъмид додани вай ба он ишора мекунад, ки расул таъмидро шарти зарурӣ барои наҷот намеҳисобид.
4. Ҷинояткоре ки дар салиб тавба кард, таъмид наёфта буд, аммо боварӣ ба даст овард, ки ҳамроҳи Масеҳ дар биҳишт хоҳад буд (Луқ. 23,43).
5. Бутпарастоне ки дар Қайсария наҷот ёфтанд, имон оварда, Рӯҳулқудсро қабул карданд (Аъм. 10,44), ки далели ба Масеҳ тааллуқ доштани онҳо буд (Рум. 8,9). Баъди қабул кардани Рӯҳулқудс, яъне аллакай дорои наҷот буда, онҳо таъмид мeёфтанд (Аъм. 10,47.48). Таъмид барои наҷоти онҳо зарур набуд. Аввал онҳо наҷот ёфтанд, баъд дар об таъмид ёфтанд.
6. Дар Инҷил таъмид на бо зода шудани рӯҳонӣ, балки ҳамеша бо марг алоқаманд аст.
7. Дар Инҷил қариб 150 ҷой ҳаст, ки дар онҳо таълим дода мешавад, ки наҷотро фақат ба воситаи имон ба даст овардан мумкин аст. Ба онҳо ду ё се оятро, ки гӯё барои наҷот даркор будани таъмидро таълим медиҳанд, муқобил гузоштан мумкин нест.

---

Бинобар ин суханон дар ояти 21 *«таъмид ... наҷот медиҳад»* на таъмиди моро дар оби одӣ, балки таъмиди Масеҳро дар марг ва ҳамонандшавии моро бо Ӯ дар маргаш ифода мекунанд.

*На дур кардани нопокии ҷисм.* Хизматгузории маросимии Аҳди Қадим, ки ба яҳудиёни масеҳӣ, хонандагони Петрус, маълум буд, танҳо зоҳиран пок мекард. Он ба коҳинон ва ё ба мардум виҷдони покро нисбати гуноҳ дода наметавонист. *Таъмиде* ки Петрус оид ба он мегӯяд, покшавии ҷисмонӣ ва ё ҳатто маросимӣ аз нопокӣ намебошад. Об ҳақиқатан ифлосиро аз бадан дур мекунад, аммо он наметавонад виҷдони покро дар назди Худо диҳад. Фақат ҳамонандшавии шахсӣ бо Масеҳ

дар марг, дафн ва растохези Ӯ ин корро карда метавонад.

*Шаҳодати виҷдони пок ба ҳузури Худо.* Ногузир саволе ба миён меояд: «Чӣ гуна ман назди Худо росткор буда метавонам? Чӣ гуна ман назди Ӯ *виҷдони* пок дошта метавонам?» Ҷавоб дар таъмидест, ки Петрус оид ба он мегӯяд, дар Ҷолҷолто ба марг таъмид ёфтани Масеҳ ва шахсан қабул кардани кори Ӯ мебошад. Масеҳ бо марги Худ масъалаи гуноҳро як бор ва барои ҳамеша ҳал намуд.

*Ба воситаи растохези Исои Масеҳ наҷот медиҳад.* Чӣ тавр ман доништа метавонам, ки Худо қонеъ шудааст? Ман инро аз он медонам, ки Ӯ *Масеҳро* аз мурдагон зинда намуд. Виҷдони пок бо *растохези Исои Масеҳ* робитаи ногусастанӣ дорад; онҳо ҳамроҳ меистанд ё меафтанд. Растохез ба ман мегӯяд, ки Худо бо кори наҷотдиҳандаи Писари Худ пурра қонеъ шудааст. Агар Масеҳ зинда намешуд, мо ҳеҷ гоҳ боварӣ ҳосил карда наметавонистем, ки масъалаи гуноҳҳои мо ҳал шудааст. Ӯ чун ҳар гуна одами дигар мемурд. Аммо Масеҳи зиндашуда кафолати мутлақи мо дар он аст, ки талаботи Худо нисбати гуноҳҳои мо пурра қонеъ карда шудаанд.

Муаллифи сурудҳо Ҷеймс Г. Дек чунин изҳор намудааст: «Виҷдони мо бо осоиши нагузаранда пур аст: ин Барра дар осмонҳост, ки дар тахт нишастааст». Инак *таъмид – шаҳодати виҷдони пок ба ҳузури Худо, ба воситаи эҳёи Масеҳ наҷот медиҳад.* Ягона ҳаққи ман ба виҷдони пок дар марг, дафн ва растохези Худованд Исо асос ёфтааст. Тартиб ин ҷо чунин аст:

1. Дар Ҷолҷолто Масеҳ барои ман ба марг таъмид ёфт.
2. Ба Ӯ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда боварӣ карда, ман рӯҳан бо Ӯ дар марг, дафн ва растохезаш ҳамроҳ мешавам.
3. Чун медонам, ки Ӯ аз мурдагон бархост, ман ба талаби худ оид ба виҷдони пок ҷавоб мегирам.
4. Дар таъмиди обӣ ман ба таври намоён оид ба озодшавии рӯҳонӣ, ки аз сар гузарондаам, шаҳодат медиҳам.

**3,22** *Ки Ӯ ба осмон рафта, аз дасти рости Худо /нишастааст/ ва фариштаҳо, қудратҳову қувваҳо фармонбардори Ӯ шудаанд.* Худованд Исои Масеҳ на танҳо аз мурдагон бархост, балки *ба осмон,* ки боре аз он фаромада буд, боло шуд. Имрӯзҳо Ӯ дар он ҷо на чун рӯҳи нонамоён, ҳиснашаванда мебошад, балки чун Одами зинда дар бадани ҷалолёфтаи иборат аз ҷисм ва хун. Дар ин бадан ҷароҳатҳое аёнанд, ки дар Ҷолҷолто ба Ӯ расонда шудаанд, – аломатҳои возеҳ ва абадии муҳаббати Ӯ ба мо.

Худованди мо *аз дасти рости Худо нишастааст,* яъне чунин ҷойро ишғол намудааст:

*Ҳокимият:* азбаски дасти рост аз дасти чап боқувваттар аст, он ифодакунандаи ҳокимият аст (Мат. 26,64);

*Шараф:* «Худо Ӯро бо дасти рости Худ боло бардоштааст» (Аъм. 2,33; 5,31);

*Осудан:* кори ба зиммаи Ӯ гузошташударо ба анҷом расонда, Масеҳ «аз дасти рости Кибриё дар афроз нишаст» (Ибр 1,3; ниг. ҳамчунин 8,1; 10,12). Ин осудан – осудани қаноатмандӣ ва хурсандӣ аз эҳсоси иҷрои вазифа мебошад, на осоиштагие ки аз боиси хасташавист;

*Шафоаткунанда:* Павлус мегӯяд, ки аз дасти рости Худо буда, Масеҳ барои мо шафоат мекунад (Рум. 8,34).

*Болобардоршавӣ:* «Аз дасти рости Худ дар ҷойҳои осмонӣ шинонд, болотар аз ҳар сарварӣ ва ҳукуматдорӣ ва қудрат ва ҳукмронӣ ва ҳар номе ки на танҳо дар ин давра, балки дар давраи оянда низ хонда мешавад» (Эфс. 1,20.21).

*Ҳукмфармоӣ:* дар Ибриён 1,13 Худо Падар ба Писар мегӯяд: *«Аз дасти рости Ман бинишин, то душманони Туро зери пои Ту андозам».* Ҳукмфармоӣ дар 1Петрус 3,22 низ таъкид карда мешавад: *«... аз дасти рости Худо /нишастааст/ ва фариштаҳо, қудратҳову қувваҳо фармонбардори Ӯ шудаанд».*

*Фариштаҳо ва ҳукуматдориҳо ва қудратҳо,* бешубҳа, ҳамаи унвонҳои мавҷудоти осмониро ифода мекунанд. Ҳамаи онҳо хизматгорони Масеҳи ҷалолёфта мебошанд, ки ба осмон боло шудааст.

Худованди мо барои корҳои нек азоб кашид. Ҳам вақте ки Ӯ то таҷассуми Худ ба воситаи Нӯҳ шаҳодат медод, ва ҳам ҳангоме ки чун Писари Одам ба замин омад, одамон Ӯро рад карданд. Ӯ дар обҳои торики марг дар Ҷолҷолто таъмид ёфт. Аммо Худо Ӯро аз мурдагон зинда кард ва дар осмон аз дасти рости Худ нишонда, болобардор намуд. Дар мақсади

абадии Худо азобҳо мебоист пеш аз ҷалол меомаданд.

Ин дарс ҳам ба хонандагони аввалини Петрус, ҳам барои мост. Мо набояд маҳзун шавем, ҳангоме ки ба мо барои корҳои нек муқобилат мекунанд ва ҳатто таъқиб менамоянд, зеро назар ба Наҷотдиҳандаи мо дар айёми дар рӯи замин зистанаш чизи беҳтареро сазовор нестем. Моро бояд ваъдае таскин диҳад, ки ҳамроҳи Ӯ азоб кашида, мо ҳамчунин ҳамроҳи Ӯ ҷалол хоҳем ёфт (Рум. 8,17). Ба ғайр аз ин, азобҳои ҳозира бо он ҷалоле ки моро интизор аст, муқоисанашаванда мебошанд (Рум. 8,18). Андӯҳҳо сабук ва муваққатӣ мебошанд; аммо ҷалол ҷовидонӣ ва бемонанд аст (2Қур. 4,17).

**4,1** Байни ин порча ва порчаҳои пештара алоқаи зич ҳаст (муқ. бо 3,18). Мо оид ба Масеҳ чун оид ба Касе сухан рондем, ки беадолатона *азоб кашидааст.* Ӯ аз дасти одамони бад аз боиси росткорӣ *азоб кашидааст.* Бинобар ин пайравони вай бояд *бо ҳамон фикр мусаллаҳ* шаванд. Онҳо бояд тайёр бошанд, ки ба хотири номи Ӯ азоб кашанд. Онҳо бояд бо омодагӣ таъқиботро таҳаммул кунанд, чунки онҳо масеҳиянд.

Ҳар касе ки *дар ҷисм азоб кашидааст, аз гуноҳ рӯ мегардонад.* Дар назди имондор ду имконият ҳаст – гуноҳ ё азоб. Вай метавонад чун атрофиёни беимон зиндагӣ карда, вақтхушиҳои гуноҳолуди онҳоро бо ҳам бинад, ва ҳамин тариқ аз таъқибот эмин хоҳад монд. Ё ин ки вай дар покӣ ва тақводорӣ зиндагӣ мекунад ва ба хотири Масеҳ хорӣ дида, аз одамони бад азоб мекашад.

Ҷеймс Гутрӣ, риёзаткаш, пеш аз он ки ба дор овехта шавад, гуфт: «Дӯстони азиз, ба ҷои гуноҳ кардан ин косаи азобро, ки ман нӯшидам, бинӯшед зеро гуноҳ ва азоб ба ман пешниҳод карда шуданд, ва ман азобро интихоб кардам».

Ҳангоме ки имондор бошуурона на ҳаёт дар гуноҳ, балки азобро барои имон интихоб менамояд, вай *аз гуноҳ рӯ мегардонад.* Ин маънои онро надорад, ки вай гуноҳ содир намекунад, аммо қудрати гуноҳ дар ҳаёти вай шикастааст. Ҳангоме ки шахс аз боиси он азоб мекашад, ки гуноҳ карданро рад мекунад, вай дигар ба ҳавасҳои ҷисм итоат намекунад.

**4,2** То охири ҳаёти заминии худ имондор на ба ҳавасҳои инсонӣ, балки ба *хости Худо* тобеъ аст; вай на чун беимонон гуноҳ кардан, балки чун масеҳӣ азоб кашиданро афзал медонад. Вай мурданро афзалтар аз он медонад, ки аз Худованди худ даст кашад. *Боқии умри ҷисмонӣ* рӯзҳои боқимондаи ҳаёти инсон дар замин аст. Имондор афзал меҳисобад, ки боқии умри худро на ба қонеъ намудани майлҳои ҷисмонӣ, балки ба ҷалол додани Худо бахшад.

**4,3** Петрус ба онҳое муроҷиат мекунад, ки то имон овардан дар вайронии ахлоқии олами бутпараст мезистанд. Ин гуна зистани онҳо аллакай *кофист!* Чун масеҳиён, онҳо офаридаи нав шуданд, пас, гуноҳҳои пештараро рад кардан лозим аст. Солҳои боқимондаи ҳаёт ба Худо тааллуқ доранд, ва онҳоро ба Ӯ додан лозим аст.

Гуноҳҳои номбаршуда имрӯзҳо ҳам ҳанӯз ба олами бутпарастонаи ғайримасеҳӣ хос мебошанд – гуноҳҳои шаҳвонӣ, бадмастӣ ва динҳои бардурӯғ.

*Бадахлоқӣ* – ҳавасҳои номаҳдуд, пеш аз ҳама бадахлоқии ҷинсӣ.

*Ҳавасҳо* – ҳама гуна ҳирси ғайриқонунӣ, ки аниқтараш, ба гуноҳҳои шаҳвонӣ дахл доранд.

*Мастигарӣ* – майл ба нӯшокиҳои спиртӣ, ки боиси суст шудани қувваи ирода ва ба васваса муқобилат карда натавонистан мешавад. Мастигарӣ ва бадахлоқӣ бисёр вақт хеле наздиканд.

*Айшу нӯш* – базмҳои пуршӯру ғавғо ва зиёфатҳои шабона. Мастигарӣ, ки боиси гумшавии худдорӣ ва ҷанҷолҳо мешавад.

*Бутпарастии зишт* – парастиши бутҳо ва ҳама гуна бадахлоқие ки ба ин парастишҳо ҳамроҳӣ мекунад.

Одамон ба он чи мепарастанд, шабоҳат пайдо мекунанд. Ҳангоме ки онҳо Худои ҳақиқиро рад мекунанд, меъёрҳои ахлоқии онҳо паст мешаванд. Ин меъёрҳои пастшуда ба онҳо иҷозат медиҳанд, то дар ҳар гуна вақтхушиҳои гуноҳолуд, ки ба таври ғаризавӣ майл ба онҳо доранд, иштирок кунанд. Ана барои чӣ динҳои бутпарастона гуноҳ ва таназзулро ба бор меоваранд.

**4,4** Ин оят таҷрибаи умумии онҳоеро ифода мекунад, ки аз ҳаёти ахлоқан вайронкунанда наҷот ёфтаанд. Дӯстони пештараи онҳо гумон мекунанд, ки онҳо аз ақл бегона шудаанд, ва онҳоро дар таассуби динӣ айбдор мекунанд. Аз рақс, базмҳои дунявӣ ва айшу

ишрати мастона даст кашиданро онҳо як шакли девонагӣ меҳисобанд. Ҳаёти пок, боахлоқонаи имондор гуноҳкорро маҳкум мекунад; ҳайратовар нест, ки гуноҳкор ин гуна дигаргунии тарзи зиндагиро бад мебинад!

**4,5** Агарчи бехудоён бар масеҳиён бадгӯӣ мекунанд, онҳо ҳангоми Доварӣ дар назди Тахти Бузурги Сафед барои ҳар як сухан *ҳисобот медиҳанд*. Худованд *тайёр аст зиндагон ва мурдагонро доварӣ кунад*. Аён аст, ки Петрус беимононро дар назар дорад. Доварӣ бар бехудоёни зинда то саршавии Подшоҳии Ҳазорсола ба амал меояд; гуноҳкорони мурда баъди дар замин анҷом ёфтани ҳукмронии Масеҳ доварӣ карда мешаванд. Маҳкумияти онҳо далели росткории фарзандони Худо хоҳад буд.

**4,6** *Зеро барои ҳамин,* яъне барои ҳимояи фарзандони Худо, *ба мурдагон низ башорат дода шудааст*. Боз ҳам дар назди мо ҷоест, ки фаҳмиданаш душвор аст. Оё ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки Хушхабар ба одамон баъди маргашон ё ҳанӯз ҳангоми зинда буданашон расонда шудааст? Ва ин одамон киҳо буданд?

Мо мефаҳмем, ки ин оят ба одамоне равона шудааст, ки Хушхабар ба онҳо ҳангоми ҳанӯз дар замин буданашон расонда шуда буд. Онҳо ба Худованд имон оварданд, барои ҳақиқат ҷасурона истодагарӣ мекарданд, аз дасти одамони бад азоб мекашиданд ва дар як қатор мавридҳо то мурдан азоб дода шуданд. Агарчи ин имондорон *ба доварӣ дучор гардиданд,* ё маҳкум карда шуданд, *дар ҷисм мувофиқи одамизод Худо* онҳоро сафед кард. Онҳо акнун ҳамроҳи Ӯ аз ҳаёти абадӣ ҳаловат мебаранд.

Ҳангоме ки Хушхабар ба онҳо мавъиза карда мешуд, онҳо мурда набуданд. Аммо акнун баданҳои онҳо *мурда* аст. Агарчи одамон онҳоро беақл меҳисобиданд, *Худо* онҳоро мушарраф гардонд, ва акнун рӯҳи онҳо дар осмонҳост.

Мавъизаи Хушхабар барои имондорон натиҷаи дутарафа дорад: маҳкумкунии одамон ва ризоияти Худо.

Барнс мефаҳмонад:

*Мақсади мавъизаи Хушхабар барои онҳо дар он буд, ки агарчи онҳо аз тарафи одамон айбдор шуда, ба марг маҳкум шуда буданд, онҳо метавонанд мувофиқи табиати олитари худ, мувофиқи рӯҳ барои Худо зиндагӣ кунанд.*[25]

## III. ХИЗМАТ ВА АЗОБИ ИМОНДОР (4,7–5,14)

### А. Насиҳатҳои муҳим барои рӯзҳои охир (4,7-11)

**4,7** Ин ҷо пеш аз як қатор насиҳатҳо изҳороте меояд: *«Аммо поёни ҳама чиз наздик аст»*. Ин метавонад чунин маъно дошта бошад: 1) вайрон шудани Уршалим, 2) ба осмон бурда шудан, 3) бозгашти Масеҳ пеш аз Подшоҳии Ҳазорсола, 4) нобуд карда шудани осмон ва замин дар охири Подшоҳии Ҳазорсола. Мо чунин меҳисобем, ки аниқтараш ин калимаҳо гуфтаҳои охирро дар назар доранд.

Насиҳати аввал – *бомулоҳиза ва барои дуо ҳушёр бошед*. Он ҳангоми таъқибот навишта шуда буд ва чунин маъно дорад, ки безобитагӣ набояд масеҳиро аз ҳаёти дуоӣ ба ҷои дигар ҷалб кунад, он бояд аз беэътидолие ки аз боиси шиддатнокӣ пайдо шудааст, озод бошад: вазъиятҳои ҳаёт набояд ба мушоракати вай бо Худо таъсир расонанд.

**4,8** Вай бояд ба мушоракат бо дигар имондорон диққат диҳад (о. 8.9) ва ба тамоми оилаи имондорон *муҳаббати пурзӯр дошта бошад*. Ин гуна муҳаббат хатоҳо ва нокомиҳои масеҳиёни дигарро ба ҳама маълум намекунад, балки онҳоро аз маҳкумкунии ҷамъиятӣ ҳимоя мекунад. Касе гуфтааст: «Нафрат аз ҳама чизҳо бадтаринро месозад. Аммо муҳаббат ҳақ дорад ҳама чизро рӯпӯш кунад».

Ҷумлаи *«муҳаббат гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад»-ро* (Мас. 10,12) чун маънидоди таълимотии он ки гуноҳҳо чӣ гуна бартараф карда мешаванд, қабул кардан лозим нест. Фақат хуни Масеҳ аз айбдорӣ ва ҷазо барои гуноҳҳо озод мекунад. Ин калимаҳоро ҳамчунин барои ба гуноҳ чашм пӯшида, ҷамоатро аз ҷавобгарӣ барои ҷазо додани озордиҳанда ё ҷинояткор озод кардан истифода бурдан мумкин нест. Онҳо маъно доранд, ки муҳаббати ҳақиқӣ метавонад ба хатоҳои ночиз ё нокомиҳои дигар имондорон аҳамият надиҳад.

**4,9** Яке аз воситаҳои зоҳиршавии муҳаббат ба бародарон – меҳмоннавозии самимист. Ин насиҳат ҳангоми таъқибот махсусан даркор аст, ҳангоме ки захираҳои хӯрок метавонанд ночиз бошанд ва шахсоне ки ба масеҳиён сарпаноҳ медиҳанд, ҳабс ва аз озодӣ маҳрум карда мешаванд, ё ҳатто кушта мешаванд.

Меҳмоннавозӣ имтиёзи бузург аст. Зеро ба воситаи он баъзе касон, надониста, фариштагонро меҳмоннавозӣ кардаанд (Ибр. 13,2). Ҳама гуна некие ки ба яке аз фарзандони Худо зоҳир карда шудааст, ба Худи Худованд зоҳир карда шудааст (Мат. 25,40). Кори нек ҳар қадар ночиз бошад ҳам, он саховатмандона мукофотонида мешавад; ҳатто косаи обе ки ба номи Худованд дода шудааст, бе мукофот намемонад (Мат. 10,42). Касе ки пайғамбарро ба номи пайғамбар қабул кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт (Мат. 10,41), ки инро яҳудиён мукофоти олитарин меҳисобиданд. Бисёр масеҳиён оид ба баракате ки ба хонаҳо ва фарзандонашон ба воситаи меҳмоннавозӣ омадааст, шаҳодат медиҳанд.

Исо таълим медод, ки мо бояд ба шахсоне меҳмоннавозӣ кунем, ки музди онро пардохта наметавонанд (Луқ. 14,12). Ин маънои онро надорад, ки мо ҳеҷ гоҳ набояд хешовандон, дӯстон ё ҳамсоягонеро даъват кунем, ки моро ҷавобан даъват карда метавонанд. Аммо мақсади мо аз он иборат аст, ки ба номи Худованд Исо некӣ кунем, ва оид ба талофии хароҷот фикр накунем. Албатта, саволе ба миён меояд, ки оё лозим аст, ки имондорон такроран барои меҳмонони доираи худ базмҳо ороянд, дар ҳоле ки халқҳои том ҳанӯз Хушхабарро нашунидаанд.

**4,10** Ҳар як имондор аз Худованд *атое ёфтааст,* то чун узви Бадани Масеҳ вазифаи махсусеро ба ҷо оварад (1Қур. 12,411.29-31; Рум. 12,6-8). Ин атоҳоро Худо барои идоракунӣ медиҳад. Онҳоро на ба мақсадҳои худпарастона, балки барои ҷалоли Ӯ ва беҳбудии дигарон истифода бурдан лозим аст. Мо набояд танҳо қабулкунандагони атоҳои Худо бошем; файзи Ӯ ба мо мерасад, аммо бо мо тамом намешавад. Мо барои он муқаррар карда шудаем, то каналҳое бошем, ки ба воситаи онҳо баракатҳо ба дигарон ҷорӣ мешаванд.

Аз мо талаб карда мешавад, ки *коргузорони неки файзи гуногуни Худо* бошем. *Файзи Худо* ин ҷо ба марҳамате (ки одам сазовори он нест) дахл дорад, ки Худо ба одам пешниҳод мекунад. «*Гуногун*» таҳтуллафзан маънои «ҳарранга» ё «ҳархела»-ро дорад. Филлипс ин калимаро чун «ба таври ҳайратовар гуногун» тарҷума мекунад.

**4,11** Ҳатто агар одам атои муждабарӣ ё муаллимӣ дошта бошад, вай бояд боварӣ ҳосил кунад, ки суханони мегуфтааш маҳз ҳамон суханоне ҳастанд, ки Худо барои ҳамин ҳолати махсус тайёр кардааст. Таҳти суханони *«ҳамчун суханони Худо гӯяд»* маҳз ҳамин дар назар дошта шудааст. Танҳо аз Навиштаи Муқаддас мавъиза кардани шахс кофӣ нест. Вай бояд ҳамчунин боварӣ дошта бошад, ки хабари махсусеро мерасонад, ки Худо маҳз ҳамин вақт барои ҳамин шунавандагон муқаррар намудааст.

Ҳар ки хизматеро ба ҷо меоварад, бояд онро бо дарки фурӯтанонаи он ба ҷо оварад, ки маҳз *Худо* ӯро ваколатдор кардааст. Он гоҳ ҷалол ба *Худо* дода мешавад – ба Касе ки он тааллуқ дорад.

Одам набояд бо истеъдоднокии худ дар хизмати масеҳӣ фахр намояд. Вай ин аторо дар хизмати масеҳиёна на бо саъю кӯшиши худ ба даст овардааст, аммо онро аз олами боло гирифтааст. Амалан вай чизе надорад, ки нагирифта бошад. Тамоми хизмат бояд тавре ба ҷо оварда шавад, ки ҷалол ба *Худо* дода шавад.

Чунон ки Петрус ишора мекунад, ин ҷалол ба Падар *ба воситаи Исои Масеҳ* чун Миёнарав дода мешавад, зеро Худо ҳама чизро ба воситаи Ӯ медиҳад. Тамоми ҷалол ва қудрат *то абад* ба ин Наҷотдиҳандаи пурбаракат тааллуқ дорад. *Омин.*

### Б. Насиҳатҳое ки ба азобҳо дахл доранд (4,12-19)

**4,12** Қисми боқимондаи боби 4 насиҳатҳо ва тавзеҳотеро дар бар мегирад, ки ба азобҳо барои номи Масеҳ дахл доранд. Калимаи «азоб» ва калимаҳое ки аз он баромадаанд, дар ин нома бисту як бор истифода мешаванд.

Барои масеҳӣ ба озмоишҳои фиристодашуда чун ба чизи *аҷиб* ва ғайриодӣ муносибат кардан хос аст. Мо бо дидани азоби ногузир ҳайрон мешавем. Аммо Петрус мегӯяд, ки мо бояд онро чун таҷрибаи маъмулии масеҳиёна аз назар гузаронем. Мо ҳақ надорем аз ҷаҳон назар ба Наҷотдиҳандаамон муносибати беҳтареро интизор бошем. Ҳамаи онҳое ки дар Исои Масеҳ ҳаёти парҳезгорона бурдан мехоҳанд, ба таъқибот гирифтор хоҳанд шуд (2Тим. 3,12). Он чиз ҳақиқат аст, ки хизматгорони Масеҳ, ки Ӯро дар пеши омма тарафдорӣ мекунанд, мавриди ҳуҷумҳои шадид қарор

мегиранд. Иблис силоҳи худро беҳуда бар зидди онҳое ки танҳо ба ном масеҳӣ ҳастанд, ба кор намебарад. Вай тӯпҳои вазнини худро бар зидди онҳое равона мекунад, ки ба дарвозаҳои дӯзах ҳамла мекунанд.

**4,13** Бартарии *азобҳои Масеҳро* бо ҳам дидан бояд моро бо хурсандӣ пур кунад. Албатта, мо азобҳои кафораткунандаи Ӯро бо ҳам дида наметавонем; Ӯ ягона Касест, ки гуноҳҳои дигаронро ба Худ гирифт. Аммо мо метавонем худи ҳамон азобҳоеро, ки Ӯ чун Одам аз сар гузаронд, бо ҳам бинем. Мо бо Ӯ радшавӣ ва шармандагиро бо ҳам дида метавонем. Ба мо захмҳо ва доғҳоеро расонда метавонанд, ки беимонон ҳанӯз ҳам ба Ӯ расонданӣ ҳастанд.

Агар фарзанди Худо имрӯзҳо дар байни азобҳо *шодӣ карда* тавонад, ҳангоми *зоҳир шудани ҷалоли Масеҳ* то чӣ андоза бештар *хурсандӣ* мекунад ва ба ваҷд меояд. Ҳангоме ки Наҷотдиҳанда чун шери қабилаи Яҳудо бозмегардад, Ӯ чун Писари пурқудрати Худо *зоҳир* мешавад. Онҳое ки ҳозир барои Ӯ азоб мекашанд, баъд ҳамроҳи Ӯ сазовори шараф хоҳанд шуд.

**4,14** Масеҳиёни аввал *ба хотири номи Масеҳ* гирифтори шармандагӣ шуданро бартарӣ ҳисобида, хурсандӣ мекарданд (Аъм. 5,41). Ҳар як масеҳие ки ба вай бартарии ба хотири номи Масеҳ бадгӯӣ шунидан дода шудааст, бояд ҳамин гуна аксуламал нишон диҳад. Ин гуна азоб тасдиқи ҳақиқии он аст, ки *Рӯҳи ҷалол, Рӯҳи Худо бар шумо қарор мегирад.* Маҳз *Рӯҳулқудс* бар масеҳиёни таъқибшаванда *қарор мегирад,* чунон ки абри ҷалол бар хаймаи Аҳди Қадим қарор гирифта, ба ҳузури Худо ишора мекард.

Мо медонем, ки *Рӯҳ* дар ҳамаи фарзандони ҳақиқии Худо сокин аст, аммо ба таври махсус *бар* онҳое *қарор мегирад,* ки пурра ба Масеҳ вафодоранд. Ин гуна одамон ҳузур ва қувваи рӯҳи Худоро медонанд, аммо дигарон – не. Худи ҳамон Худованд Исоро, ки таъқибкунандагон *хорӣ медиҳанд,* муқаддасони азобкашандааш *ҷалол* медиҳанд.[26]

**4,15** Масеҳӣ ҳеҷ гоҳ набояд барои кардани корҳои бад азоб кашад. Номумкин аст, ки вай дар куштор, дуздӣ, бадкирдорӣ ё дастдарозӣ ба моликияти бегона айбдор карда шавад. Ин гуна азоб Худоро ҷалол намедиҳад, балки ба шаҳодати Масеҳ фақат нанг меоварад.

**4,16** Аммо ҳеҷ чизи бешарафона нест, *агар касе ҳамчун масеҳӣ* азоб кашад. Ф. Б. Мейер мегӯяд, ки ин барои ҳама гуна азоб ҳақиқат аст, ё барои «аз даст додани кор, обрӯ ва хона; ё тарк карда шудан аз ҷониби волидон, фарзандон ва дӯстон; ё туҳмат, нафрат ва ҳатто марг».[27] *Масеҳӣ* метавонад дар ҳамаи ин санҷишҳо *Худоро ҳамду сано хонад.* Ҷ. Кемпбелл Морган оид ба чизҳои зерин огоҳӣ медиҳад:

*Ин аз фахр кардан бо номи масеҳӣ бештар аст. Фақат бо ҳаёти сазовор Худоро ҷалол додан мумкин аст. Агар шахс худро масеҳӣ номида, мувофиқи он зиндагӣ накунад, вай ба Худо нанг меорад. Дорои ин ном будан ба худ гирифтани масъулияти бузурги на танҳо пурҷалол, балки муқаддас низ мебошад.*[28]

**4,17** Петрус азобҳои халқи Худоро дар ин ҳаёт ба азобҳои гуноҳкорон дар абадият муқобил мегузорад. *Зеро вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад. Вақти* зикршуда давраи Калисо аст, ки дар рӯзи Пантикост сар шуда, то ба осмон гирифта шудан давом мекунад. *Хонаи Худо* Калисоро дар назар дорад. Дар давраи файз Калисо аз ҷониби ҷаҳони беимон *доварӣ* карда мешавад. Имондорон ба монанди он ки Исо дар айёми ҳаёти заминияш азоб мекашид, азоб мекашанд.

Агар чунин бошад, пас онҳоеро, ки *ба Инҷили Худо итоат намекунанд,* чӣ қисмате дар пеш аст? Агар ҳозир масеҳиён барои корҳои нек азоб кашанд, пас наҷотнаёфтагонро дар абадият барои ҳамаи корҳои беҳудоёна чӣ азобҳое интизоранд?

**4,18** Мавзуи ин оят, ки аз Масалҳо 11,31 иқтибос шудааст, ҳамин аст: Модоме ки *росткор* бар замин сазо меёбад, чӣ қадар бештар бадкор ва *гуноҳкор?*

*Росткор базӯр,* ё бо душворӣ *наҷот меёбад.* Аз нуқтаи назари илоҳӣ наҷоти вай бо нархи гарон харида шудааст. Аз нуқтаи назари одамӣ ба одамон гуфта шудааст: «Саъю кӯшиш кунед, ки аз дари танг дохил шавед» (Луқ. 13,24). Имондоронро ёд медиҳанд, ки «бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Подшоҳӣ гардем» (Аъм. 14,22). Дар байни ҳамаи хатарҳо ва васвасаҳое ки масеҳиро иҳота кардаанд, фақат мӯъҷизаи файзи Худо ӯро барои Подшоҳии Худо нигоҳдорӣ мекунад.

Ва агар ин чунин бошад, пас онҳоеро, ки тавба накарда ва наҷот наёфта, дар гуноҳҳо

мурдаанд, чӣ фарҷоме интизор аст? Ҳикояти зерин, ки дар байни дастнависҳои Ф. Б. Мейер ёфт шудааст, он ҳақиқатро равшан нишон медиҳад:

*Як шахси имондор барои худ чунон марги тантананокеро мехост, то ба писарони беимонаш таассурот бахшад ва қувваи аёни Хушхабар, ки барои аз водии сояи марг мардонавор ва бо шодӣ гузаштан ёрӣ медиҳад, онҳоро ҷалб намояд. Аммо, мутаассифона, пеш аз марг вай рӯҳафтода шуд; ӯро шубҳаҳо ва гувоҳиҳои бади дил фишор medодаnd. Ба душман имкон дода шуда буд, ки вайро сахт азоб диҳад. Аммо маҳз ҳамин чиз ба фарзандони вай таъсир кард. «Ҳамаи мо медонем, гуфт писари калонӣ, ки падари мо одами хуб буд; аммо ба ҳар ҳол бингаред, ки азобҳои рӯҳонии вай чӣ гуна вазнин буданд. Пас моро чи фарҷоме интизор аст, ки мо оид ба ҷонҳои худамон андеша накардем?»*[29]

**4,19** Петрус исрор мекунад, ки азобҳо дар ҳаёти мо *аз рӯи хости Худо* воқеъ мешаванд. Мутаассибони динӣ аз рӯи майли ногаҳонӣ, бе роҳнамоии Худо амал карда, худро ба азобҳо гирифтор мекунанд. Онҳо бо комплекси риёзаткаш Худоро меозмоянд; ин гуна роҳ ба бешарафӣ мебарад. Аммо роҳи ҳақиқии азобҳо масеҳиёнро сӯи ҷалоли ҷовидонӣ мебарад. Аз ин хотир онҳо бояд новобаста ба натиҷаҳо корҳои нек карданро давом диҳанд ва *ҷонҳои худро ба Офаридгори бовафо супоранд.*

Андаке аҷиб метобад, ки ин ҷо Петрус Худовандро на чун Наҷотдиҳанда, Саркоҳин ё Шубон, балки чун *Офаридгор* нишон медиҳад. Масеҳ ба ду маъно Офаридгори мост: Мо қисми офариниши аввалин ва офариниши нави Ӯ ҳастем (Эфс. 4,24; Кул. 3,10). Дар ҳар ҳол Ӯ моро дӯст медорад ва барои мо ғамхорӣ мекунад. Пас супоридани худ ба Касе ки моро офарид ва ҷонҳои моро наҷот дод, то чӣ андоза оқилона аст.

### В. Пандҳо ва салому паёмҳо (5,1-14)

**5,1** Боби хотимавии Номаи якуми Петрус пандҳо ва салому паёмҳоро дар бар мегирад. Дар аввал сухан ба *пирон* нигаронида шудааст. Петрус, ки эътибори насиҳати шубонӣ додан дошт, худро чун *низ пир ва шоҳиди азобҳои Масеҳ ва шарики ҷалоли* оянда муаррифӣ мекунад. *Низ пир* – ин суханон аз даъвои «саркоҳини олӣ»-и Калисо будан фарсаҳҳо дур мебошанд. *Шоҳид* – Петрус барои гӯсфандони Худ мурдани Шубонро дида буд, ва хотираи ин гуна муҳаббат вайро водор мекунад, ки дар ҳаққи гӯсфандон ғамхорӣ кунад. *Шарик* – ба қарибӣ ҷалол нурпошӣ хоҳад кард, Масеҳ хоҳад омад, ва мо ҳамроҳи Ӯ дар ҷалол зоҳир хоҳем шуд (Кул. 3,4). Аммо то фаро расидани он замон супориши бузурги Наҷотдиҳанда боқӣ мемонад: «Барраҳои Маро бичарон! ... Гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо!» (Юҳ. 21,15-17).

**5,2** Шубонон одамони болиғи дорои хислати масеҳиёна мебошанд, ки онҳоро Рӯҳулқудс ба роҳбарии калисои маҳаллӣ муқаррар мекунад. Аҳди Нав оид ба шубонони зиёде мегӯяд – на оид ба як шубон дар калисо ё гурӯҳи калисоҳо, балки оид ба ду ё якчанд шубон дар як ҷамоат (Фил. 1,1). Талаботеро, ки ба шубонон пешниҳод карда мешаванд, дар 1Тимотиюс 3,1–7 ва Титус 1,6-9 хондан мумкин аст. Дар Калисои ибтидоӣ, ҳанӯз то дар шакли навишта дастрас гардидани Инҷил, шубононро расулон ва намояндагони онҳо таъйин мекарданд. Барои ин онҳо (расулон ва намояндагони онҳо) муддати кифоякунандаи вақтро дар калисои нав мегузаронданд, то боварӣ ҳосил кунанд, ки номзадҳо ба талаботи пешниҳодшуда ҷавобгӯ ҳастанд. Имрӯзҳо масеҳиён бояд онҳоеро, ки сифатҳои заруриро доранд ва хизмати шубониро ба ҷо меоваранд, эътироф намоянд ва ба онҳо итоат намоянд.

*Рамаи Худоро, ки назди шумост, чӯпонӣ ва нигаҳбонӣ кунед. Рама* ба *Худо* тааллуқ дорад, ба шубонон бошад масъулияте вогузор шудааст, ки ҳамшубон бошанд. *На маҷбурӣ, балки ихтиёрӣ.*[30] Рамаро назорат кардан коре нест, ки ба он интихоб ё таъйин мекунанд. Рӯҳулқудс лаёқатҳо медиҳад ва ба хизмат водор мекунад, шубонон бошанд бояд ба даъвати Ӯ бо дилу ҷон ҷавоб диҳанд. Ҳамин тавр, мо дар 1Тимотиюс 3,1 мехонем: «... агар касе усқуфиро орзу кунад, кори хуберо орзу мекунад». Дар баробари лаёқати худодод омодагии одамӣ низ бояд бошад.

*На аз барои фоидаи нангин, балки аз сидқи дил.* Подоши молиявӣ набояд водоркунандаи хизмати шубонӣ бошад. Мо бо ин дар назар надорем, ки калисои маҳаллӣ шубонро дастгирӣ карда наметавонад; оид ба чунин «ходимон бо ҳафтаи пурраи корӣ» дар 1Тимотиюс 5,17.18 гуфта шудааст. Аммо ин маънои онро

дорад, ки рӯҳияи кироягӣ бо хизмати ҳақиқии масеҳиёна мувофиқат намекунад.

**5,3** Ҷиҳати сеюми насиҳати Петрус чунин аст: *Ва на ҳамчун касоне ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд, балки ба рама намунаи ибрат нишон диҳед.* Пирони калисо набояд фармон диҳанд, балки намунаи ибрат нишон диҳанд. Онҳо бояд на аз ақиби рама, балки пеш-пеши он раванд. Онҳо набояд чунон рафтор кунанд, ки гӯё он ба онҳо тааллуқ дошта бошад. Ин зарбаест ба дили авторитаризм!

Агар ходимон ба се насиҳат дар оятҳои 2 ва 3 итоат мекарданд, бисёр суиистифодаҳо дар ҷаҳони масеҳӣ бартараф карда мешуданд. Аввалӣ ҳама гуна хоҳиш надоштанро бекор мекард. Дуюмӣ ҳама гуна тамаъро барҳам медод. Сеюмӣ рӯҳияи маъмуриятчигиро дар калисо нобуд мекард.

**5,4** Хизмати пири калисо бо сарфи зиёди қувваи ҷисмонӣ ва эҳсосотӣ вобаста аст. Вай бояд рӯҳбаланд кунад, маслиҳат диҳад, сарзаниш намояд, насиҳат кунад, таълим диҳад, огоҳ намояд ва ҷазо диҳад. Баъзан ин метавонад кори камқадр тобад. Аммо ба пири вафодори калисо мукофоти махсус ваъда карда шудааст. *Ҳангоме ки Сарчӯпон зоҳир мешавад, тоҷи ҷалолро, ки пажмурда намешавад, меёбед.* Рости гап, мо дар бораи тоҷҳои ҷалол, ки дар Навиштаи Муқаддас ваъда шудаанд, чизи каме медонем: тоҷи фахр (1Тас. 2,19), тоҷи адолат (2Тим. 4,8), тоҷи ҳаёт (Яъқ. 1,12; Ваҳй 2,10) ва тоҷи ҷалол. Мо намедонем, ки инҳо ба маънои таҳтуллафзӣ тоҷҳо хоҳанд буд, ки мо онҳоро пеши пойҳои Наҷотдиҳанда партофта метавонем; ё онҳо фақат дар хусуси дараҷаи масъулияте ки ба мо дар Подшоҳии Масеҳ дода мешавад, шаҳодат медиҳанд (Луқ. 19,17-19); ё онҳо ҷиҳатҳои хислати масеҳӣ мебошанд, ки мо онро дар тамоми абадият хоҳем дошт. Аммо мо аниқ медонем, ки онҳо барои ашкҳо, санҷишҳо ва азобҳое ки мо дар ин ҷо, дар замин таҳаммул мекунем, талофии кофӣ хоҳанд буд.

**5,5** *Ҷавонон* (хоҳ аз ҷиҳати синну сол ё дар имон) бояд ба *пирон* итоат кунанд. Чаро? Зеро ки пирон дорои хираде мебошанд, ки бо гузашти солҳо ва таҷрибаи кор дар киштзори Худо ба даст меояд. Онҳо дониши амиқи Каломи Худоро доранд, ки дар амал санҷида шудааст. Ва Худо масъулияти ғамхорӣ бар гӯсфандони Худро маҳз ба онҳо вогузоштааст.

Ҳамаи имондорон *бояд фурӯтаниро дар бар* кунанд; ин фазилати калон аст. Моффатт мегӯяд: «Пешдомани итоаткориро пӯшед». Ин калимаи хеле мувофиқ аст, агар онро ба назар гирем, ки пешдоман рамзи хизматгор аст. Миссионере дар Ҳиндустон боре гуфтааст: «Агар ба ман лозим меомад, ки ду сухани барои нашъунамои рӯҳонӣ зарурро интихоб намоям, ман инҳоро интихоб мекардам: «Намедонам» ва «Бубахшед». Ҳар ду сухан оид ба фурӯтании амиқ шаҳодат медиҳанд». Ҷамоатеро ба худ тасаввур кунед, ки ҳамаи аъзоёнаш дорои ин рӯҳи фурӯтанӣ мебошанд; дигаронро бештар аз худ эҳтиром менамоянд; яке назди дигаре кори камқадрро ба гардан мегиранд. Калисо на танҳо дар тасаввур, балки дар асл метавонад ва бояд чунин бошад.

Агар барои фурӯтанӣ сабаби дигаре намебуд, фақат ҳаминаш кофист: *Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад.* (Петрус тарҷумаи юнонии Масалҳо 3,34-ро иқтибос меоварад.) Оид ба ин андеша намоед: Худои тавоно ба ғурури мо муқобилат мекунад ва тайёр аст онро бишканад, дар ҳоле ки ҳамон Худои тавоно наметавонад ба дили фурӯтан ва шикаста муқобилат кунад!

**5,6** Ин фурӯтанӣ на танҳо нисбати одамони дигар, балки нисбати *Худо* низ бояд зоҳир шавад. Дар айёми Петрус муқаддасон аз санҷишҳои оташин мегузаштанд. Худо ин санҷишҳоро намефиристод, балки онҳоро роҳ медод. Беҳтарин рафтор, мегӯяд Петрус, онҳоро бо фурӯтанӣ аз дастони Парвардигор қабул кардан аст. Ӯ фарзандони Худро дастгирӣ мекунад ва *онҳоро дар замони Худ сарафроз мекунад.*

**5,7** Ба имондорон бартарие дода шудааст, ки бе ҳеҷ шубҳа *ҳамаи* ташвишҳои худро ба Худованд вогузор намоянд, зеро ки Ӯ ба онҳо *ғамхорӣ мекунад.* Петрус боз як бор тарҷумаи юнонии Аҳди Қадимро иқтибос мекунад (Заб. 54,23).

Ҷ. Сидлоу Бакстер ба ду намуди ташвишҳо ишора мекунад:

*Ғамхории пурташвише дар ин суханон ҳаст: «Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед ва ғамхории пурмуҳаббате дар ин суханон ҳаст: «Зеро ки Ӯ ба шумо ғамхорӣ мекунад».*

*Ба ҳамаи ғамхории пурташвиши мо ғамхории пурмуҳаббати камнашавандаи Наҷотдиҳандаи мо муқобил меистад».*[31]

Ба изтироб омадан лозим нест: мо набояд ба дӯши худ тамоми бори ғамҳоро бардорем, дар ҳоле ки Ӯ метавонад ва мехоҳад онро ба ҷои мо бардорад. Ба ташвиш омадан бефоида аст; ин хоҳ-нохоҳ мушкилотро бартараф намекунад. Ба ташвиш омадан гуноҳ аст. Касе гуфтааст: «Ба ташвиш омадан гуноҳ аст, чунки он ҳикмати илоҳиро рад мекунад: он мегӯяд, ки Ӯ намедонад чӣ мекунад. Он муҳаббатро ба Худо рад мекунад: он мегӯяд, ки Ӯ ғамхорӣ намекунад. Ва он қудрати Худоро инкор мекунад: он мегӯяд, ки Ӯ наметавонад маро аз он чи маро ба ташвиш меорад, раҳо намояд». Дар бораи ин андешидан меарзад!

**5,8** Мо набояд ташвиш кашем, *балки ҳушёр ва бедор бошем, чунки* мо *душмани* қавӣ дорем – *иблис. Ҳушёр* будан – яъне ҷиддӣ будан, ба ҳаёт муносибати солим доштан, ҳилаҳои шайтонро ошкор карда тавонистан.

Пентекост хуб гуфтааст:

*Касе ки оид ба табиат ва хислати ҷаҳони мо тасаввуроте надорад, касе ки ба дасисаҳо ва ҳуҷумҳои душмани мо, иблис, аҳамият намедиҳад, вай метавонад ҳаёти бепарвоёна ва сабукфикрона ба сар барад. Аммо касе ки ба ҳаёт чун Исои Масеҳ менигарад, бояд муносибати тамоман дигар, дурнамои тамоман дигар дошта бошад, ки ба он ҳушёрӣ ва хирадмандӣ хос аст.*[32]

Ҳамчунин доимо бедор будан, ба дафъ кардани ҳуҷумҳои душман омода будан лозим аст. Ин ҷо душман чун *шере* тасвир шудааст, ки *ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад.* Иблис симоҳои гуногунро қабул мекунад. Баъзан он чун мор меояд ва одамонро ба бадахлоқӣ васваса мекунад. Баъзан вай намуди фариштаи нурро мегирад, то одамонро дар соҳаи рӯҳонӣ фиреб диҳад. Ин ҷо дар нақши *шери ғуррон* вай халқи Худоро бо таъқибот тарсонданист.

**5,9** Мо набояд ба хашми вай таслим шавем. Аниқтараш, мо бояд Каломи Худо ва дуоро истифода бурда, ба он *муқобилат кунем.* Худи мо ба вай муқобилат карда наметавонем, аммо агар мо дар *имон,* дар умедамон ба Худованд қавӣ бошем, метавонем ба вай *муқобилат кунем.*

Яке аз воситаҳои шайтон фикрро оид ба беҳамтоии азобҳои мо талкин намуда, дарҳам шикастани мост. Аз оташи санҷишҳо гузашта, навмед шудан ва қарор додан осон аст, ки ҳеҷ кас ба ғайр аз мо ба ин қадар балоҳо гирифтор нашудааст. Петрус ба мо ёдрас мекунад, ки ин *гуна азобҳо ба сари бародарони* масеҳии мо *низ дар* тамоми *ҷаҳон меояд.*

**5,10** Ғалабаи ҳақиқӣ дар санҷишҳо дар дидани Худо мебошад, ки ҳама чизро назорат мекунад ва ба таври ҳайратовар нақшаҳои Худро амалӣ мекунад. Санҷишҳои мо ҳар тавре ки бошанд, мо бояд пеш аз ҳама дар ёд дошта бошем, ки Худованд *Худои ҳар файз* аст. Ин номи зебои Худои мо онро ёдрас мекунад, ки муносибати Ӯ бо мо на дар фазилатҳои мо, балки дар муҳаббати беандозаи Ӯ ба мост. Санҷишҳои мо ҳар қадар даҳшатовар бошанд ҳам, мо ҳамеша метавонем Ӯро барои он ташаккур гӯем, ки мо на дар дӯзахем, ки бояд дар он бошем.

Тасаллои дуюмро мо дар он пайдо карда метавонем, ки Ӯ *моро ба ҷалоли абадии Худ … даъват намудааст.* Ин ба мо имкон медиҳад, то ба паси азобҳои ин ҳаёт, ба оянда назар андозем, ҳангоме ки мо бо Наҷотдиҳанда буда, ҷовидона ба Ӯ монанд мегардем. Дар ин бора як фикр кунед! Моро аз чуқурии ахлот берун оварда, *ба ҷалоли абадии* Худо *даъват намудаанд!*

Тасаллои сеюм дар он аст, ки азобҳои мо кӯтоҳмуддат мебошанд. Дар муқоиса бо *ҷалоли абадӣ* андӯҳҳои зиндагӣ аз яклаҳзаина камтаранд.

Ва тасаллои хотимавӣ: Худо азобро ба кор мебарад, то моро омӯзонад ва дар мо хислати масеҳиёнаро ташаккул диҳад. Он моро барои ҳукмронӣ тайёр мекунад. Дар зер се ҷиҳати ин омӯзиш зикр шудаанд:

*Комил* кардан – санҷишҳо имондоронро обутоб медиҳанд; онҳо дар санҷишҳо сифатҳои даркории хислатро тарбия менамоянд ва рӯҳан солиғ мегардонанд.

*Устувор* кардан – азобҳо масеҳиёнро бештар устувор, дорои қобилияти ҳимоя кардани имони худ ва дар зери фишор дар ҳам нашикастан мегардонанд. Худи ҳамин суханро Худованд Исо дар суҳбат бо Петрус истифода бурдааст: «… бародарони худро устувор гардон» (Луқ. 22,32).

*Пурзӯр* кардан – шайтон бо таъқибот мехоҳад имондоронро суст ва беҳол кунад, аммо

ба натиҷаи баръакс дучор мешавад. Онҳо масеҳиёнро тақвият медиҳанд ва пурсабр мегардонанд.

*Пойдор* кардан – ин феъл дар асл бо калимаи «асос» ҳамреша аст. Худо мехоҳад, ки ҳар як имондор бар асоси боварибахш – Писари Ӯ ва Каломи Ӯ – реша гирад.

Лейсӣ мегӯяд:

*Санҷишҳое ки дар ҳаёти масеҳиёна ногузиранд, дар ҳаёти имондор ҳамеша ҳамон як натиҷаи бобаракатеро ба бор меоранд: Онҳо имонро комил мекунанд, хислатро ташаккул медиҳанд, устувор мегардонанд, пурзӯр менамоянд ва фарзандони Худоро пойдор мегардонанд.*[33]

**5,11** Худо ба таври ҳайратовар бар таъқибот ва азобҳо дастболо мешавад ва онҳоро ба *ҷалоли* Худ мубаддал менамояд, бинобар ин тамоман аҷиб нест, ки Петрус нидо мекунад: *«Ӯро ҷалол ва қудрат то абад бод. Омин»*. Танҳо Ӯ лоиқи *ҷалол* аст; танҳо дар дастони Ӯ *қудрат* дар бехатарист!

**5,12** *Силвонус* (эҳтимол, ҳамон касе ки Сило номида шудааст – шакли кӯтоҳи ном) *бародари боваринок* буд, ки Петрус ин номаро ба вай дикта мекард; аз афташ, худи ҳамин шахс номаро расонд. Петрус Номаи якумро барои он навишт, то имондорони дар парокандагӣ бударо бовар кунонад, ки имони масеҳии онҳо имони ҳақиқист, ё, чунон ки вай меномад, *файзи ҳақиқии Худост.* Шояд, дар вақти авҷи таъқибот дар онҳо саволе пайдо мешуд: Оё онҳо масеҳиятро ихтиёр намуда, кори дуруст кардаанд? Петрус эълон менамояд, ки ҳақ ба ҷониби онҳост. Онҳо ҳақиқати Худоро пайдо кардаанд ва бояд устуворона бар он устувор бошанд.

**5,13** *Калисо* (дар матни асл калимаи *«калисо»* нест ва танҳо «вай» гуфта шудааст) *ки дар Бобил аст ва монанди шумо интихоб шудааст, ба шумо салом мерасонад, ҳамчунин писарам Марқус.*

Аниқ муқаррар кардан имкон надорад, ки «Вай, *ки дар Бобил аст ва мисли шумо интихоб шудааст»* чӣ маъно дорад. Инак баъзе маънидодҳои асосӣ: 1) «Бародарӣ» (2,17; 5,9); дар забони юнонӣ ин исми ҷомеъ ҷинсияти занона дорад. 2) зани Петрус. 3) як зани дар он маҳал машҳур. Ҳамчунин фаҳмидан имкон надорад, ки кадом *Бобил* дар назар дошта шудааст. Ин метавонад: 1) шаҳри маълум дар соҳили Фурот бошад, ки он ҷо яҳудиёни зиёде мезистанд; 2) бунгоҳи ҳарбӣ бо ҳамин ном дар соҳили Нил (эҳтимоли кам дорад); 3) Рум. Дар Ваҳй умуман Бобил бо Рум ҳамонанд карда мешавад (17,1-9; 18,10.21).

Саволи сеюм ба муносибати зикри номи *Марқус* ба миён меояд. Оё ин *писари* ҳақиқии Петрус буд, ё Юҳаннои *Марқус,* муаллифи Инҷил, дар назар дошта шудааст? Охирин бештар имконпазир аст. Агар чунин бошад, пас мо худамон бояд қарор кунем, ки оё Марқус аз сабаби он писари Петрус номида шудааст ки вай Марқусро назди Масеҳ овард, ё калимаи *«писар»* фақат муносибатҳои наздики рӯҳониро байни масеҳии калонсол ва ҷавон дар назар дорад. Калимае ки Петрус барои *писар*[34] истифода мебарад, на ҳамонест, ки Павлус барои ифодаи муносибатҳои рӯҳонии худ бо Тимотиюс ва Титус ба кор мебарад, ва ба анъанаи кадимие мувофиқат мекунад, ки мувофиқи он Инҷили хеле пуробуранги Марқус бар ёддоштҳои Петрус чун шоҳид асос ёфтааст.

**5,14** Пир Петрус Номаро бо сухани хайрбод ва баракатхоҳӣ анҷом медиҳад. *Ба якдигар бо бӯсаи муҳаббат салом гӯед.* Вазифаи ба бародарон муҳаббат доштан – тартиби барои Калисо муқарраршуда аст, агарчи роҳу воситаи изҳори муҳаббат баробари фарҳанг ва замон дигар буда метавонад.

Дуои хайр: *Бар ҳамаи шумо, ки дар Исои Масеҳ ҳастед, осоиш бод.* Ин сухане ки оид ба осудагӣ мегӯяд, ба муқаддасони гирифтори туфон нигаронида шудааст, ки ба хотири Масеҳ мусибатҳоро аз сар мегузаронанд. Исо ба рамаи бо хун харидашудааш оҳиста мегӯяд: *«осоиш* бар шумо бод», зеро он ба хотири Ӯ дар байни ҷамъияти нооромм азият мекашад.

*Осоиш, осоиши комил –*
*оё марг мову шуморо тира карда метавонад?*
*Исо бар марг ғолиб омад*
*ва бар ҳама гуна қудрати он.*

Эдвард Д. Бикерстет

# Тавзеҳот

1. (1,2) Дигар шаклҳои муқаддасшавӣ ҳастанд, ки дертар меоянд. Одами аз олами боло зодашуда аз ҷиҳати мавқеъ муқаддас мешавад, зеро вай «дар Масеҳ» аст (Ибр. 10,10.14). Сипас дар ҳаёти масеҳиёнаи худ вай бояд муқаддасшавии амалиро ба даст оварад, яъне беш аз пеш ба Масеҳ монанд шавад (1Пет. 1,15). Дар осмонҳо вай муқаддасшавии пурраро ба даст меорад, зеро дигар ҳеҷ гуноҳ намекунад (Кул. 1,22). Ниг. тафсир оид ба муқаддасшавӣ ба Ибриён 2,11.
2. (1,8) Дар бисёрии дастнависҳои юнонӣ ба ҷои «дида» («идонтес») «дониста» («эидотес») навишта шудааст. Моҳият қариб худи ҳамон аст: онҳо дар замин бо Исо шахсан шинос набуданд.
3. (1,8) William Lincoln, *Lectures on the First and Second Epistles of Peter,* саҳ. 21.
4. (1,12) Дар ҷои зикршуда, саҳ. 23.
5. (1,13) J. H. Jowett, *The Redeemed Family of God,* саҳ. 34.
6. (1,17) Lincoln, *Lectures,* саҳ. 30.
7. (1,20) Дар ҷои зикршуда, саҳ. 33.
8. (1,21) W. T. P. Wolston, *Simon Peter: His Life and Letters,* саҳ. 270.
9. (1,22) Дар матни интиқодии НА «ба воситаи Рӯҳ» партофта шудааст.
10. (1,23) Поварақ дар китоби F. W. Grant, *1Peter, The Numerical Bible, Hebrews to Revelation,* саҳ. 149.
11. (1,23) Дар матни НА «то абад» партофта шудааст.
12. (2,2) Дар Кодекси Искандариягӣ «то ки аз он *то* наҷот нашъунамо ёбед» аст. Аммо ин метавонист ба кафолати наҷот шубҳаро пайдо кунад.
13. (2,6) Дар тарҷумаи юнонии Навиштаи Муқаддас калимаи «литон» (санг), «акро-» (қулла ё нӯг), «гониаион» (дар кунҷ) аст, пас, *санги гӯша* ё *санги сари гӯша* (о. 7) аз ҳамин ҷост.
14. (2,12) Тарҷумаи таҳтуллафзӣ «наҷиб», ё «олиҷаноб» аст («калос»-и юнонӣ), бо «каллиграфия» (санъати хушхатӣ) муқоиса кунед.
15. (2,12) Charles R. Erdman, *The General Epistles,* саҳ. 66.
16. (2,12) Jowett, *Redeemed Family,* саҳ. 88.89.
17. (2,13) Leslie T. Lyall, *Red Sky at Night,* саҳ. 81.
18. (2,16) F. B. Meyer, *Tried by Fire,* саҳ. 91.
19. (2,25) Калимаи юнонӣ дар ин ҷо «эпископос» аст, ки маънояш «назораткунанда» ё «усқуф» аст.
20. (3,2) George Mueller, дар маҷаллаи даврии «Калом» таҳти таҳрири Ричард Берсон, таърихи рӯз маълум нест, саҳ. 33-35.
21. (3,4) F. B. Meyer, *Tried,* саҳ. 117.
22. (3,7) Charles Bigg, *A Critical and Exegetical Commentary on the Epistles of St. Peter and St. Jude (ICC),* саҳ. 155.
23. (3,8) Ба ҷои «фурӯтан» («филофронес») дар матни НА мо дар матнҳои дигар «боназокат» («тапейнофронес») мехонем. Ҳар ду фазилатҳои некеро ифода мекунанд, ки ба матн мувофиқат мекунанд; кадоми онро аслӣ ҳисобидан ба нуқтаи назари касе дахл дорад, ки матни Инҷилро таҳлил мекунад.
24. (3,15) Дар матни НА ба ҷои «Худованд Худоро» «Масеҳро чун Худованд» мехонем. Метавон тахмин кард, ки Масеҳи Аҳди Нав – Яҳува Сабоют (Худованди лашкарҳо)-и Аҳди Қадим аст.
25. (4,6) Albert Barnes, *Notes on the New Testament: James, Peter, John and Jude,* саҳ. 191.
26. (4,14) Дар матни НА қисми охири ояти 14 партофта шудааст. Азбаски «бар шумо қарор мегирад» ва «ҷалол мeёбад» дар забони юнонӣ як хел анҷома доранд («-этай»), тасодуфан партофта рафтани онҳо осон мебуд. Ин падида *партофта рафтан аз боиси анҷомаҳои яххела* номида мешавад.
27. (4,16) F. B. Meyer, *Tried,* саҳ. 27.
28. (4,16) G. Campbell Morgan, *Searchlights from the Word,* саҳ. 336.
29. (4,18) F. B. Meyer, *Tried,* саҳ. 180,181.
30. (5,2) Дар матни НА ба ҷои «ба таври ихтиёрӣ» «мувофиқи Худо» навишта шудааст. Тарҷумаи анъанавӣ ба аксари дастнависҳо мувофиқат мекунад ва ба матн хеле беҳтар мувофиқат мекунад, чун тазод ба «на ба таври маҷбурӣ».

31. (5,7) J. Sidlow Baxter, *Awake, my Heart,* саҳ. 294. Монандии зебои калимаҳои «ғамҳо» ва «ғамхорӣ мекунад» дар матни юнонӣ нест. Дар он ҷо ду калимаи гуногун истифода шудааст.
32. (5,8) J. Dwight Pentecost, *Your Adversary the Devil,* саҳ. 94.
33. (5,10) Harry Lasey, *God and the Nations,* саҳ. 92.
34. (5,13) Калимаи одии юнонии «ҳуиос»; Павлус «текнон»-ро истифода мебарад, ки маънои таҳтуллафзияш «навзод» ё «кӯдак» аст.

## Рӯйхати адабиёт (1 ва 2 Петрус)


Barbieri, Louis A.
*First and Second Peter.*
Chicago: Moody Press, 1975.

Bigg, Charles.
*A Critical and Exegetical Commentary of St. Peter and St. Jude* (ICC).
Edinburg: T. & T. Clark, 1901.

Grant, F. W.
*I and II Peter, The Numerical Bible,* ҷ. 7.
New York: Loizeaux Brothers, 1903.

Ironside, H. A.
*Notes on James and Peter.*
New York: Loizeaux Brothers, 1947.

Jowett, J. H.
*The Redeemed Family of God.*
London: Hodder & Stoughton, солаш номаълум аст.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of the Epistles of St. Peter, St. John & St. Jude.*
Columbus: Wartburg Press, 1945.

Lincoln, William.
*Lectures on the First and Second Epistles of Peter.*
Kilmarnock: John Ritchie, солаш номаълум аст.

Meyer, F. B.
*Tried by Fire.*
Fort Washington, PA: Christian Literature Crusade, 1983.

Stibbs, Alan M.
*The First Epistle General of Peter.*
Grant Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1959.

Thomas, W. H. Griffith.
*The Apostle Peter: His Life and writings.*
Grand Rapids: Kregel Publications, 1984.

Westwood, Tom.
*The Epistles of Peter.*
Glendale, California: The Bible Treasury Hour, 1953.

Wolston, W. T. P.
*Simon Peter: His Life and Letters.*
London: James Nisbet & Co., 1913.

# НОМАИ ДУЮМИ ПЕТРУС

*[Номаи дуюми Петрус] нафаси Масеҳро дорад ва интизори иҷро шудани мақсади Ӯст.*

Е. Г. Ҳомригҳаузен

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Иқтибоси дар боло овардашуда махсусан муҳим аст, чунки муаллиф, чун бисёрии онҳое ки имрӯзҳо зиндагӣ мекунанд, муаллифи ин Нома будани Петрусро рад мекунад. Аммо вай «аз ҷиҳати хислат ва рӯҳия ба Петрус тааллуқ доштан»-и ин китобро имконпазир меҳисобад.[1] Ҳайратовар бошад ҳам, ин ду тасдиқот саҳми нотакрори Номаи дуюми Петрусро ҷамъбаст мекунанд.

Дар торикии зулмоти муртадӣ ин Номаи кӯтоҳ бесаброна интизори омадани Худованди мост. Агарчи дар мактуб ҷиҳатҳои хоси хислати Петрус ва ёддоштҳои шахсии вай оиди ҳаёт акс ёфтаанд, дар асл барои касоне ки ба ин номаи хурд имкон медиҳанд худаш аз худ сухан гӯяд, он оиди Масеҳ шаҳодат медиҳад.

### II. МУАЛЛИФӢ

Яке аз муҳаққиқони консервативии амрикоии Аҳди Нав ба наздикӣ гуфтааст: «ҳангоме ки кор то Номаи дуюми Петрус мерасад, пас чун дар китобҳои Дониёл ва Ишаъё дар Аҳди Қадим, илоҳиётшиносони ҳақиқатан самимиро аз дигарон фарқ кардан мумкин аст». Ин Номаро таҳқиқ карда, муҳаққиқони ҳозира аксаран ҳатто кӯшиш намекунанд муаллифи ин нома набудани Петрусро исбот намоянд. Онҳо исботшуда меҳисобанд, ки Петрус онро нанавиштааст. Ҳеҷ китоби дигари Аҳди Нав чун ин нома ин қадар сабабҳои асосноки чун нусхаи асл эътироф нашудан надорад, аммо яқинан ин сабабҳо на он қадар бузурганд, чунон ки қаламдод мекунанд.

#### Шаҳодати берунӣ

Мо дар Поликарп, Игнатий ва Ириней аз 2Петрус иқтибосеро вонамехӯрем. Аммо, чунон ки Ҷамоати ибтидоӣ таълим медод, агар Номаи Яҳудо пас аз Номаи дуюми Петрус меомада бошад, пас мо дар Номаи Яҳудо тасдиқи 2Петрусро дорем (ниг. «Муқаддима» ба Номаи Яҳудо), ки таърихаш *асри якум* аст. Олими олмонӣ Заан чунин меҳисобад, ки мо ба исботи дигаре эҳтиёҷ надорем. Дар бобари Яҳудо, Ориген аввалин касест, ки ба 2Петрус истинод меоварад, аз пайи он Мефодий аз Олимп (ки дар замони Диоклетиан азоб дода кушта шудааст) ва Фумилиан аз Қайсария меоянд. Евсевий эътироф мекунад, ки бисёрии масеҳиён 2Петрусро қабул кардаанд, дар ҳоле ки худи вай шубҳа дорад.

Дар қонуни Мураторӣ 2Петрус нест, аммо дар он 1Петрус низ нест; ба ғайр аз он, ин ҳуҷҷат бесилсила аст. Агарчи ба Иероним шубҳаҳо оиди аслӣ будани 2Петрус маълум буданд, вай, дар баробари падарони асосии Ҷамоат – Афанасий ва Августин, онро аслӣ меҳисобид. То замони Ислоҳот тамоми Ҷамоат ба намунаи онҳо пайравӣ мекард.

Чаро Номаи дуюми Петрус назар ба китобҳои дигар шаҳодати *берунии* сусттар дорад? Пеш аз ҳама барои он ки он хеле кӯтоҳ аст, бинобар ин ба таври васеъ нусхабардорӣ нашудааст. Дар он ҳамчунин маводи нодир, махсус, кам аст. Ин нуктаи охир – далел ба фоидаи Навишта аст: китобҳои бидъатӣ ҳамеша аз таълимотҳои ихтилофнок, ё ақаллан аз иловаҳои ғайриодӣ ба таълимоти расулон пур буданд. Шояд, дар асрҳои аввал ин сабаби асосии эҳтиёткорӣ нисбати 2Петрус буд: якчанд «мактубҳои қалбакӣ» вуҷуд доштанд, ки дар онҳо, бо суиистифодаи номи Петрус, бидъатҳои гностикӣ аз қабили «Ваҳйи Петрус» пеш бурда мешуданд.

Ниҳоят, донистан муҳим аст, ки Номаи дуюми Петрус яке аз китобҳоест, ки боиси баъзе шубҳаҳо мебошанд, аммо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ як ҷамоат онро чун қалбакӣ рад накардааст.

**Шаҳодати дохилӣ**

Онҳое ки муаллифии Петрусро рад мекунанд, таъкид мекунанд, ки услуби нигориши 1Петрус аз 2Петрус фарқ дорад. Иероним инро чунин маънидод мекард, ки Павлус котибони гуногунро, ки гуфтаҳои ӯро менавиштанд, истифода мебурд. Аммо фарқҳо байни Номаҳои якум ва дуюми Петрус дар асл на он қадар калон мебошанд. Агар ҳар ду номаро бо китобҳои дигари Аҳди Нав муқоиса кунем, онҳо хеле бештаранд. Дар ҳар ду нома лексикаи васеъ, бадеӣ истифода мешавад, ки аз бисёр ҷиҳат бо мавъизаҳои Петрус дар «Аъмол» ва воқеаҳои ҳаёти вай мувофиқат мекунад.

Ишораҳо ба воқеаҳои ҳаёти Петрус, ки дар китоб вомехӯранд, ҳам *ба тарафдории* муаллифии анъанавӣ, ҳам *бар зидди* он истифода мешаванд. Онҳое ки муаллифии Петрусро рад мекунанд, мегӯянд, ки *зикрҳо ё ишораҳо* бояд бештар бошанд; дигарон чунин меҳисобанд, ки шахсе ки ҳуҷҷатро сохтакорӣ мекард, ба нақша нагирифта буд, ки *онҳо хеле зиёд* бошанд! Аммо чӣ сабабе метавонист ба сохтакории ин китоб боис шавад? Агарчи онҳое ки ба аслӣ будани китоб шубҳа доранд, *назарияҳои* бисёре ихтироъ кардаанд, мо дар байни онҳо ягонто боварибахшашро пайдо намекунем.

Зиёда аз ин, Номаро омӯхта, мо якчанд шаҳодатҳоеро пайдо мекунем, ки муаллифии Петрусро тасдиқ мекунанд.

Дар 1,3 муаллиф имондоронро чун онҳое қаламдод мекунад, ки бо ҷалол ва камоли Худованд даъват шудаанд. Ин моро ба Луқо 5,8 бармегардонад, ки он ҷо ҷалоли Худованд Петрусро чунон ба ҳайрат овард, ки вай нидо кард: «Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гунаҳкор ҳастам».

Ҳангоме муаллиф насиҳатеро медиҳад, ки ба он пайравӣ карда, хонандагон ҳеҷ гоҳ пешпо намехӯранд (1,5-10), мо дарҳол ба гуноҳ афтидани Петрус ва ноумедии баъд аз он омадаро ба хотир меорем.

Ояти 14-уми боби 1 махсусан муҳим аст. Худованд Исо ба муаллиф оиди марги вай хабар медиҳад. Ин бо Юҳанно 21,18.19 пурра мувофиқат мекунад – он ҷо Исо ба Петрус ошкор менамояд, ки вай дар пиронсолӣ кушта хоҳад шуд.

Ду калима аз оятҳои 13-15-уми боби 1 «хайма» (хаймаи ҷомеъ) ва «риҳлат» (даргузаштан) дар Луқо 9,31-33 дар нақл оиди дигаргуншавӣ истифода мешаванд.

Яке аз далелҳои боварибахши муаллифии Петрус – зикри дигаргуншавӣ дар оятҳои 1,16-18 аст. Муаллиф дар кӯҳи муқаддас буд. Он ҷо Петрус, Яъқуб ва Юҳанно буданд (Мат. 17,1). Аммо ин Номаи дуюм даъвои на асари Яъқуб ё Юҳанно, балки асари Петрус буданро дорад.

Дар 2,14.18 мо феъли «ба дом медароваранд»-ро вомехӯрем. Ин феъл аз калимаи «делеаго» гирифта шудааст – бо хӯрхӯрак сайд намудан. Ин феъл ба луғатномаи моҳигир дохил мешавад ва махсусан ба Петрус хос аст.

Дар 3,1 муаллиф ба номаи пешина, шояд ба Номаи якуми Петрус ишорат менамояд. Ҳамчунин дар 3,15, оиди Павлус сухан ронда, вай ифодаҳоеро ба кор мебарад, ки ба шахсият дахл доранд, ки албатта расул ин корро карда метавонист.

Боз як калимаеро, ки моро ба таҷрибаи шахсии Петрус бармегардонад, дар 3,17 пайдо мекунем. Калимаи «матонат» бо феъли «устувор гардондан», ки Исо дар Луқо 22,32 ба кор мебарад, ҳамреша аст: «... ва ту як вақте, бозгашт намуда, бародарони худро устувор гардон». Худи ҳамин калимаро дар 1Петрус 5,10 ва 2Петрус 1,12 вомехӯрем.

Ниҳоят, мо тахмин мекунем, ки чун дар номаҳои шубонӣ, аз тарафи Петрус сахт маҳкум карда шудани муртадон аз бисёр ҷиҳат боиси он шудааст, ки ба Номаи дуюми Петрус чун ба асари аслии муайянкунандаи ҳаёт ва тарзи навишти расул муносибати душманона карда мешавад.

Номаро омӯхта, мо дигар шаҳодатҳои дохилиро низ пайдо мекунем, ки онро бо расул Петрус алоқаманд мекунанд. Аммо муҳим он аст, ки ба худи Нома баргардем ва бубинем, ки Худованд ба мо ба воситаи он чӣ мегӯяд.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Санагузории Номаи дуюми Петрус ба аслӣ будани он алоқаманд аст. Онҳое ки номаро

қалбакӣ меҳисобанд, онро ба асри дуюм мансуб медонанд. Аммо мо чунин меҳисобем, ки Номаи дуюми Петрусро қонунӣ ҳисобидани Ҷамоат дуруст буд, ва дурнамои таърихӣ ва рӯҳониро ба асос гирифта, санаи навишта шудани онро солҳои 66 ё 67-уми милодӣ мешуморем, яъне чунин меҳисобем, ки он андаке пештар аз марги вай дар соли 67 ё 68 навишта шудааст.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН

Дар матои номаи расул ду риштаи асосии рақобаткунанда равшан намоён мешаванд: *каломи пайғамбарӣ* (1,19-21) ва *озодандешӣ* (б. 2). Петрус дар уфуқ муаллимони дурӯғинро бо «бидъатҳои ҳалокатовар»-и онҳо мебинад, ки тарзи зиндагии бепарвоёна ва бадахлоқонаро имконпазир меҳисобанд. Ин одамон бар таълимот оиди доварии оянда тамасхур мекунанд (3,1-7). Ҳамаи он чи Петрус оиди онҳо дар замони оянда мегӯяд, дар Номаи Яҳудо ҳамчун чизҳое тасвир шудаанд, ки аллакай дар ҳаёт татбиқ шуда истодаанд (о. 4). Ҳангоме ки масеҳиён шавқу ҳавасро ба бозомадани Масеҳ аз даст доданд ва дар ҷаҳон мустаҳкам ҷой гирифтанд (дар замони Константин ва баъд аз он), ахлоқи Ҷамоат зуд рӯ ба пастӣ овард. Худи ҳамин чиз имрӯзҳо низ дуруст аст. Шавқу ҳавас ба ҳақиқати пайғамбарона, ки дар асри нуздаҳ бедор шуда буд, имрӯзҳо дар бисёр соҳаҳо хомӯш шуда истодааст, ва ҳаёти бадахлоқона дар баъзе ҷамоатҳо тасдиқ мекунад, ки Петрус илҳом ёфта буд ҳақиқатҳоеро нависад, ки ба масеҳиёни ҳама замонҳо даркор аст.

## Нақша

I. ДУРУД (1,1-2)
II. ДАЪВАТ БА ИНКИШОФ ДОДАНИ ХИСЛАТИ ҚАВИИ МАСЕҲИЁНА (1,3-21)
III. ПЕШГӮӢ ОИДИ ПАЙДО ШУДАНИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (Б. 2)
IV. ПЕШГӮӢ ОИДИ ПАЙДО ШУДАНИ ИСТЕҲЗОКУНАНДАГОН (Б. 3)

## Тафсир

### I. ДУРУД (1,1-2)

**1,1** *Шимъуни Петрус* худро чун *банда ва расули Исои Масеҳ* муаррифӣ мекунад. Моро содагӣ ва фурӯтании вай ба ҳайрат меоварад. Вай бо хости худ банда буд, аммо *расул* будани вай мувофиқи таъйиноти илоҳӣ буд. Вай ба унвонҳо ва рамзҳои дабдабанок, ки мартабаи вайро таъкид мекунанд, рӯ намеорад. Вай фақат бо мамнуният вазифаи ба Наҷотдиҳандаи зиндашуда хизмат кардани худро тасдиқ мекунад.

Дар хусуси ба киҳо навишта шудани ин мактуб фақат он чиз гуфта шудааст, ки онҳо худи ҳамон *имони гаронбаҳоро қабул кардаанд,* ки Петрус ва ҳамсафони вай қабул кардаанд. Ин метавонад оиди он шаҳодат диҳад, ки вай ба имондорони ғайрияҳудӣ навишта буд, ки онҳо – ва ин муҳим аст – худи ҳамон *имонеро* қабул кардаанд, ки яҳудиёни имондор қабул кардаанд, имонеро, ки ба ҳеҷ ваҷҳ нокомил набуд. Ҳамаи онҳоеро, ки аз рӯи файз наҷот ёфтаанд, Ӯ баробар қабул кардааст, хоҳ яҳудӣ бошанд ё ғайрияҳудӣ, мард ё зан, ғуломон ё озодҳо.

*Имон* ҳамаи он чизест, ки онҳо бо қабул кардани масеҳият гирифтаанд. Петрус фаҳмонданро давом дода мегӯяд, ки ин имон *ба воситаи росткории Худои мо ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ* дода шудааст. Вай дар назар дорад, ки Худо ба ҳамаи онҳое ки ба Худованд *Исо* имон овардаанд, ҳамон як *имонро* дода, одилона рафтор кардааст. Асоси одилонае ки

ба Худо имкон медиҳад, то ба гуноҳкорони имондор марҳамат намояд, марг, дафн ва растохези Масеҳ мебошад.

Музди гуноҳ пурра пардохт шудааст, ва акнун Худо гуноҳкори исёнкоррро, ки ба Писари Ӯ имон дорад, сафед карда метавонад.

Номи *«Худои мо ва Исои Масеҳи Наҷотдиҳанда»* – яке аз номҳои зиёде дар Аҳди Нав аст, ки ба илоҳияти бешубҳаи Худованд Исо ишора мекунанд. Агар Ӯ Худо набошад, пас ин суханон ҳеҷ маъное надоранд.

**1,2** Расул дар дуои олӣ барои хонандагони худ *файз* ва *осоиш* хоҳон аст, ки барои онҳо *дар шинохтани Худо ва Исои Худованди мо фаровон* шуда метавонист. Вай мехоҳад, ки онҳо *файзи* устуворкунанда ва тақвиятдиҳандаи Худоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ шиносанд. Вай мехоҳад, ки дилҳои онҳоро *осоиши* Худо, ки аз ҳама гуна фаҳмиш болотар аст, ҳимоя намояд. Аммо ин баракатҳо бо вояҳои хурд дода намешаванд! Расул мехоҳад, ки онҳо *фаровон* шаванд, на ин ки андак-андак оянд.

Ин баракатҳо чӣ гуна *фаровон* шуда метавонанд? Ба воситаи *шинохтани Худо ва Исои Худованди мо*. Ҳар қадар мо Худоро беҳтар донем, ҳамон қадар бештар *файз* ва *осоишро* эҳсос менамоем. Мо чизи боз ҳам бештарро ба даст меоварем, агар доимо дар Қудси қудсҳои Худои Таоло бошем, назар ба ин ки баъзан ба он ҷо равем. Сирри *файз* ва *осоиши* Худоро танҳо онҳое мефаҳманд, ки дар макони муқаддас зиндагӣ мекунанд, на ин ки дар назди он.

## II. ДАЪВАТ БА ИНКИШОФ ДОДАНИ ХИСЛАТИ ҚАВИИ МАСЕҲИЁНА (1,3-21)

**1,3** Ин порча бояд тavaҷҷуҳи зиёди ҳар як масеҳиро бедор кунад, зеро ин ҷо оиди чӣ гуна дар ин зиндагӣ аз афтиданҳо барҳазар будан ва чӣ гуна ба даст овардани боварии дохилшавӣ ба ҳаёти оянда гуфта мешавад.

Дар аввал мо боввариро ба он ба даст меоварем, ки Худо моро пурра бо ҳама чизи зарурӣ барои ҳаёти пок таъмин намудааст. Ин таъминкунӣ аз *қувваи Ӯ* дарак медиҳад: *Қувваи илоҳии Ӯ ҳама чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ заруриро ба мо бахшидааст.* Чунон ки қувваи ӯ пештар моро наҷот дода буд, ҳамин тавр ин қувва моро водор мекунад, ки дар оянда пок зиндагӣ кунем.

Тартиб чунин аст: аввал *ҳаёт,* сипас *парҳезгорӣ*. Хушхабар қувваи илоҳист, ки аз ҷазо барои гуноҳ ва аз қудрати лаънат ва нуқсон наҷот медиҳад.

*Ҳама чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарур* кори саркоҳинии Масеҳ, хизмати Рӯҳулқудс, амали фариштагон барои мо, ҳаёти наве ки мо ҳангоми имон овардан ба даст меоварем, ва таълими Каломи Худоро дар бар мегирад.

*Қувват* барои муқаддасона зистан *ба воситаи шинохтани Ӯ, ки моро даъват намудааст,* меояд. *Қувваи илоҳии Ӯ* сарчашмаи муқаддасӣ мебошад, *шинохтани Ӯ* бошад – роҳу восита. Донистани Ӯ ҳаёти ҷовидонӣ доштан аст (Юҳ. 17,3), дар шинохтани Ӯ афзун шудан – яъне дар покӣ афзудан аст. Ҳар қадар Ӯро шиносем, ҳамон қадар ба Ӯ шабоҳат пайдо мекунем.

Даъвати мо яке аз мавзуъҳои дӯстдоштаи Петрус аст. Он ба хотир меорад, ки: 1) мо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Ӯ даъват шудаем (1Пет. 2,9); 2) мо барои ҳамин даъват карда шудаем, ки бо роҳи азобҳо аз пайи Масеҳ равона шавем (1Пет. 2,21); 3) мо даъват шудаем, ки дар ҷавоби суханони бад дуои хайр кунем (1Пет. 3,9); 4) мо ба ҷалоли ҷовидонии Ӯ даъват шудаем (1Пет. 5,10); 5) мо *бо ҷалол ва некӯии* Ӯ даъват шудаем (2Пет. 1,3). Ин зикри охирин маънои онро дорад, ки Ӯ сифатҳои аҷоиби Шахсияти Худро ошкор намуда, моро *даъват кардааст.* Шоули Тарсусӣ дар роҳи Димишқ даъват шуда буд, ҳангоме ки ҷалоли Худоро дид. Дертар яке аз шогирдон шаҳодат медод: «Ман ба рӯи Ӯ нигаристам ва шавқу ҳавасро ба ҳама чизе ки ба Ӯ монанд набуд, ҷовидона гум кардам». Вай бо *ҷалол ва некӯии Ӯ даъват* шуда буд.

**1,4** Ба таркиби «ҳама» он чи қувваи Худо барои ҳаёти пок *додааст, ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо* дар Каломи Худо дохил мешаванд. Дар Китоби Муқаддас камаш 30 000 ваъдаҳо ҳастанд. Ҷон Бунян боре гуфтааст: «Роҳи ҳаётӣ аз ваъдаҳои Худо чунон пур аст, ки бе пахш кардани яке аз онҳо қадаме ҳам гузоштан имкон надорад».

Дар номаҳои Петрус ҳафт *ваъдаҳои гаронбаҳои* зерин зикр шудаанд. Имони мо аз тилло ҳам гаронбаҳотар аст (1Пет. 1,7).

Хуни Масеҳ гаронбаҳост (1Пет. 1,19). Масеҳ Санги зинда аст, ки дар назди Худо гаронбаҳост (1Пет. 2,4). Ӯ чун санги зовия низ гаронбаҳост (1Пет. 2,6). Ӯ барои ҳамаи имондорон хеле гаронбаҳост (1Пет. 2,7). Зебоии бефанои рӯҳи ҳалиму сокит дар назди Худо хеле гаронбаҳост (1Пет. 3,4). Ва ниҳоят, *ваъдаҳои* Худо *гаронбаҳо* мебошанд (2Пет. 1,4).

Дар хусуси баъзе ваъдаҳое ки ба ҳаёти пок дахл доранд, фикр кунед. 1) Озодӣ аз ҳукми гуноҳ (Рум. 6,14). 2) Басанда будани файз (2Қур. 12,9). 3) Қувват барои ба фармудаҳои Худо итоат кардан (Фил. 4,13). 4) Ғалаба бар иблис (Яъқ. 4,7). 5) Сабукӣ дар озмоишҳо (1Қур. 10,13). 6) Бахшида шудани гуноҳҳо, агар мо онҳоро эътироф кунем (1Юҳ. 1,9), ва ҳамчунин ваъдаи ба хотир наовардани онҳо (Ирм. 31,34). 7) Ҷавоб додан ҳангоми Ӯро даъват намудани мо (Заб. 49,15).

Беҳуда нест, ки Петрус мегӯяд: *ваъдаҳои Худо бузург ва гаронбаҳоянд!* Ин ваъдаҳо ба имондор имкон медиҳанд, то *аз фасоди ҳавасҳо, ки дар ҷаҳон ҳаст,* дур шавад. Худо ваъда додааст, ки ҳама чизи даркориро барои муқобилат ба озмоиш медиҳад. Ҳангоме ки ҳавасҳо наздик мешаванд, мо ҳақ дорем ба ваъдаҳо умед бандем. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, то аз фасоди ҳавасҳо, ки дар ҷаҳон ҳаст, барканор бошем – аз гуноҳҳои ҷинсӣ, бадмастӣ, алфози қабеҳ, хасисӣ, хиёнат ва душманӣ.

Ҷиҳати мусбат дар он аст, ки ба воситаи ҳамин ваъдаҳо мо *шарики табиати илоҳӣ гардидаем.* Пеш аз ҳама, ин ҳангоми имон овардан ба амал меояд. Сипас, ваъдаҳои Худоро дар амалияи ҳаёт истифода бурда, мо беш аз пеш ба сурати Ӯ монанд мешавем. Масалан, Ӯ ваъда додааст, ки ҳар қадар бештар дар бораи Ӯ фикр кунем, ҳамон қадар ба сурати Ӯ дигаргун мешавем (2Қур. 3,18). Мо Каломеро, ки Масеҳ дар он Худро ба мо зоҳир намуд, хонда ва омӯхта, ва ба Ӯ пайравӣ намуда, ин ваъдаро дар амал татбиқ мекунем. Агар мо ин корро кунем, Рӯҳулқудс дар мо дигаргуниҳо ба амал оварда, ба сурати Масеҳ монанд мекунад, ва мо аз як дараҷаи ҷалол ба дараҷаи дигар рушд мекунем.

**1,5** Оятҳои 3 ва 4 нишон медиҳанд, ки Худо ба мо барои ҳаёти пок ҳама чизро додааст. Худо пок аст, бинобар ин мо низ бояд барои покӣ саъй намоем. Худо моро бар хилофи хоҳишамон ё бе иштирокамон пок намегардонад. Ӯ аз мо хоҳиш, собитқадамӣ ва итоаткориро интизор аст.

Петрус дар инкишофи хислати масеҳӣ *имонро* асосӣ меҳисобад. Дар ниҳояти кор, вай ба масеҳиён, ба онҳое муроҷиат мекунад, ки аллакай *имони* наҷотбахшро ба Худованд Исо доштанд. Вай онҳоро даъват намекунад, ки имон оваранд; вай фарз мекунад, ки онҳо аллакай имон овардаанд.

Бояд ба *имон* ҳафт қисми таркибии муқаддасӣ ҳамроҳ бошанд, ки яке пайи дигар намеоянд, балки ҳама дар айни вақт зоҳир мешаванд.

Падари Том Олсон одати ба фарзандонаш хондани иқтибоси зеринро дошт:

*Ба имони худ некӯкорӣ ва мардонагии Довудро илова кунед; ба мардонагии Довуд – хирадмандии Сулаймонро; ба хирадмандии Сулаймон – сабри Айюбро; ба сабри Айюб – парҳезгории Дониёлро; ба парҳезгории Дониёл – бародардӯстии Йӯнотонро; ба бародардӯстии Йӯнотон – муҳаббати Юҳанноро.*[2]

Ленскӣ пешниҳод мекунад:

*Петрус пайғамбарони дурӯғин (2,1) ва ҳаёти онҳоро, ки ба имони риёкоронаи онҳо мувофиқат мекунад, дар ёд дошта, рӯйхати ҳафт некӯкориро тартиб дод. Ба ҷои қадру қимат онҳо шармандагӣ меоранд; ба ҷои дониш – нобиноӣ; ба ҷои худдорӣ кардан – бебанду бор будан; ба ҷои устуворӣ дар некӣ – исроркорӣ дар бадӣ; ба ҷои парҳезгорӣ – исёнкорӣ; ба ҷои бародардӯстӣ – душманӣ ба фарзандони Худо; ба ҷои муҳаббати ҳақиқӣ – набудани даҳшатовари он.*[3]

Нишонаи хоси аввал – *некӯкорист.* Бо ин сухан парҳезгорӣ, ҳаёти некӯкорона ё покии ахлоқӣ дар назар дошта шуда буд, агарчи дертар ҳамаи ин сифатҳо бо як калима ифода карда мешаванд – «парҳезгорӣ». Ин ҷо калимаи *«некӯкорӣ»* ҳамчунин мардонагии рӯҳониро дар назди ҷаҳони душман, қувватро барои ҳимоя кардани ҳақиқат ифода карда метавонад.

Мо мардонагии риёзаткашонро ба хотир меоварем. Ба усқуф Кранмер интихоберо пешниҳод карданд: аз имонаш даст кашиданро имзо кунад ё дар гулхан сӯзонда шавад. Дар аввал вай рад мекард, аммо баъдтар, таҳти фишори сахт дасти рости вай даст кашиданро имзо кард. Дертар вай хатои худро дарк кард ва аз ҷаллодон хоҳиш кард, ки оташро даргиронанд. Мувофиқи хоҳишаш дастони

вайро кушоданд. Он гоҳ вай дасти росташро дар оташ дошта, гуфт: «Дасте ки инро навишт, бояд аввал ҷазо дода шавад. Ин даст гуноҳ кард! Пас бимир, эй дасти рости носазовор!»[4]

Мардонагиро бояд *хирадмандӣ,* хусусан донистани ҳақиқати рӯҳонӣ, ҳамроҳӣ намояд. Бо ин бори дигар аҳамияти омӯхтани Каломи Худо ва итоат ба фармонҳои муқаддас таъкид карда мешавад.

*Дар бораи Исо ва Каломи Ӯ бештар донистан,*
*Бештар бо Худовандам мушоракат доштан,*
*Ба овози Ӯ дар ҳар як сатр гӯш додан –*
*Ва он гоҳ ҳама гуфтаҳои боваринок аз они ман хоҳанд буд.*

Элиза Е. Ҳюитт

Ба воситаи дониши Навиштаи Муқаддас, ки дар таҷриба асос ёфтааст, чизе инкишоф меёбад, ки Эрдман онро «малакаҳои амалӣ дар майда-чуйдаҳои ҳаёти масеҳӣ» меномад.

**1,6** Ҳар як масеҳиро Худо ба интизомнокӣ даъват мекунад. Касе онро чун «қобилияти идора кардани хоҳишҳо бо ҳамкории Рӯҳи Худо» номидааст. Интизом дар дуо, омӯхтани Китоби Муқаддас, истифодаи вақт, пахш кардани ҳавасҳои ҷисм, ҳаёти фидокорона даркор аст.

Павлус *худдорӣ*[5] карданро машқ мекард. «Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он тавре ки ки фақат барои задани ҳаво бошад; балки бадани худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам» (1Қур. 9,26.27).

Аудюбон, табиатшиноси бузург, тайёр буд муддати зиёд дар шароити ноороҳат бошад, то ки олами парандагонро омӯзад. Бигузор Роберт Г. Лӣ дар бораи ин нақл кунад:

*Вай ба хотири муваффақият роҳати ҷисмониро ҳеҷ медонист. Вай соатҳои зиёд дар замин беҳаракат, дар торикӣ ва туман хобида, худро пурра муваффақ ҳис карда метавонист, агар баъди ҳафтаҳои интизорӣ ягон факти камаҳамиятеро аз ҳаёти як паранда ба даст меовард. Вай нафас набароварда, то гардан дар оби беҳаракат истода метавонист, дар ҳоле ки морҳои бешумори заҳрдори ботлоқӣ аз пеши рӯи вай гузашта мерафтанд ва тимсоҳҳои азим дар пеши назараш ин сӯ он сӯ шино мекарданд.*

*«Ин ногувор аст, мегуфт вай, агарчи ваҷоҳаташ аз рӯҳбаландии пурҳарорат дарак медод. Хайр чӣ? Дар ивазаш ман дар бораи ин паранда ҳама чизро медонам». Вай танҳо ба хотири тасвир намудани паранда ба ин кор даст мезад.*[6]

Азбаски мо намунаҳои дигарон, эҳтиёҷоти мавқуфнопазири ҷаҳони ҳалокшаванда, хатари шахсии барбод рафтани шаҳодатамонро дорем, пас мо бояд худро интизомнок кунем, то ки Масеҳ аз ҳаёти мо чизи беҳтаринро пайдо кунад.

*Худдорӣ* бояд бо *тоқат,* яъне пурсабрии устуворона ҳангоми таъқибот ва вазъиятҳои фалокатбор пурра карда шавад. Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки ҳаёти масеҳиёна моро даъват менамояд, то пурсабр бошем. Дар нурпошии ҷалол будан кофӣ нест; мо бояд ба душвориҳо нигоҳ накарда, устувор бошем. Тасаввурот оиди он ки масеҳият лаззати беохир дар қуллаи кӯҳ аст – ғалат мебошад. Тартиби рӯз, кори сиёҳ вазъиятҳои нобарор, андӯҳи сахт, нақшаҳои вайроншуда ҳастанд. *Тоқат* – санъати истодагарӣ кардан ва боисрор будан дар рӯ ба рӯи ҳар он чизест, ки, ба ақидаамон, зидди мо амал мекунад.

Фазилати дигар *парҳезгорист.* Ҳаёти мо бояд шабоҳати Худоро дошта бошад, аз ҷумла ҳамаи он чи ба покии амалӣ дахл дорад. Рафтори мо бояд чунин сифати фавқуттабиӣ дошта бошад, ки аз рӯи он дигарон мешиносанд, ки мо фарзандони Падари осмонӣ ҳастем; монандии оилавӣ бояд бехато бошад. Павлус ба мо ёдрас мекунад: «Диндорӣ барои ҳама чиз фоиданок аст, ки ваъдаи ҳаёти ҳозира ва ояндаро дорад» (1Тим. 4,8).

**1,7** Ба шарофати *бародардӯстӣ* ҷаҳон моро бо шогирдони Масеҳ айният медиҳад: «Аз рӯи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед, агар якдигарро дӯст доред» (Юҳ. 13,35).

Бародардӯстӣ боиси *муҳаббат* ба тамоми инсоният мегардад. Ва ин ҷо гап на дар эҳсосот, балки дар хоҳиш аст. Ин на ҳаяҷони пурэҳсос, балки ҳукмест, ки ба он бояд итоат кард. Дар фаҳмиши китоби Инҷил муҳаббат фавқуттабиист. Беимон наметавонад он тавре ки Китоби Муқаддас таълим медиҳад, дӯст дорад, чунки ҳаёти илоҳӣ надорад. Барои дӯст доштани душманон ва дуо кардан барои ҷаллодон ҳаёти илоҳӣ ба сар бурдан лозим аст.

Мо дӯст медорем, вақте ки ато мекунем. Масалан: «Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки ... дод» (Юҳ. 3,16). «Масеҳ низ ба Ҷамоат муҳаббат дошт ва Худро барои он дод» (Эфс. 5,25). Мо метавонем вақти худро, истеъдодҳои худро, хазинаҳои худро ва ҳаёти худро барои дигарон дода, муҳаббат зоҳир кунем.

Т. Е. Маккуллӣ падари Эд Маккуллӣ, яке аз панҷ миссионерони ҷавон буд, ки ҳиндуёни қабилаи Аука дар Эквадор кушта буданд. Боре шабона мо ҳама якҷоя ба зону истода будем, ва ӯ дуо мекард: «Худованд, ба ман имкон деҳ зиндагии ба таври кофӣ тулонӣ дошта бошам, то онҳоеро, ки бачаҳои моро куштаанд, наҷотёфта бубинам, то ман тавонам онҳоро ба оғӯш гирам ва гӯям, ки дӯсташон медорам, зеро онҳо Масеҳи моро дӯст медоранд». Ҳамин аст муҳаббати масеҳиёна – ҳангоме ки шумо барои кушандагони писаратон чунин дуо карда метавонед.

Ин ҳафт намуди файз хислати масеҳиёнаро том мегардонанд.

**1,8** Дар роҳи шогирдӣ ё ҳаракат ба пеш ҳаст, ё афтидан – ва ҳеҷ гуна қадаммонӣ дар як ҷой нест. Қувва ва бехатарӣ танҳо дар ҳаракат ба пеш аст; хатар ва нокомӣ дар ақибнишинист.

*Бесабрӣ* дар инкишофи хислати масеҳиёна боиси танбалӣ, бесамарӣ, нобиноӣ, кӯтоҳбинӣ ва фаромӯшӣ мешавад.

*Танбалӣ.* Танҳо ҳаёт дар мушоракат бо Худо ҳақиқатан натиҷабахш буда метавонад. Роҳнамоии Рӯҳулқудс фаъолияти бемаъноро бартараф мекунад ва *муваффақияти* бештаринро кафолат медиҳад. Вагарна мо вонамуд мекунем, ки мубориза мебарем, ё бе ришта медӯзем.

*Бесамарӣ.* Имкон дорад, ки кас оиди *Худованд Исои Масеҳ* маълумоти васеъ дошта, вале *бесамар* бошад. Дар амал истифода бурда натавонистани донишҳо хоҳ-нохоҳ ба бесамарӣ бурда мерасонад. Баҳри Мурда аз он сабаб мурда аст, ки об ба он ҷорӣ мешавад, аммо аз он берун намеояд; дар олами рӯҳонӣ низ ин ҳамчунин маҳсулнокиро мекушад.

**1,9** *Кӯтоҳбинӣ.* Дараҷаҳои гуногуни заифии биноӣ ҳастанд, ки онҳоро нобиноӣ меноманд. Кӯтоҳбинӣ он шакли нобиноиро муайян менамояд, ҳангоме одам на барои оянда, балки барои ҳозира зиндагӣ мекунад. Вай он қадар бо чизҳои моддӣ фаро гирифта шудааст, ки чизҳои рӯҳониро сарфи назар мекунад.

*Кӯрӣ.* Шахсе ки дар вай ҳафт нишонаи хоси дар оятҳои 5-7 номбаршуда нест, кӯр аст. Вай намедонад, ки чӣ чиз дар зиндагӣ асосӣ аст. Вай лаёқати фарқ кардани арзишҳои ҳақиқии рӯҳониро надорад. Вай дар олами торики сояҳо зиндагӣ мекунад.

*Фаромӯшӣ.* Ниҳоят, одаме ки ҳафт фазилатро доро нест, *фаромӯш кардааст, ки аз гуноҳҳои пештараи худ пок шудааст.* Ҳақиқати наҷоти вай қудраташро бар вай гум кардааст. Вай ба он ҷое бармегардад, ки боре аз он ҷо раҳо карда шуда буд. Вай бо гуноҳҳое ки сабаби марги Писари Худо шуда буданд, бозӣ мекунад.

**1,10** Ҳамин тариқ, Петрус хонандагони худро даъват мекунад, ки *даъват ва интихоби* худро тасдиқ намоянд. Ин ду ҷиҳати нақшаи илоҳии наҷот аст. *Интихоб* ба интихоби мустақили ҷовидонии шахсони алоҳида аз ҷониби Ӯ дахл дорад, ки ба Ӯ тааллуқ хоҳанд дошт. *Даъват* оиди корҳои Ӯ мегӯяд, ки дар замон ба амал меоянд, ва ба шарофати онҳо интихоб яқин мешавад. Мо то офарида шудани олам *интихоб* шуда будем; аммо *даъватро* мо вақте доро мешавем, ки имондор мешавем. Аз ҷиҳати хронологӣ аввал *интихоб* меояд; сипас – *даъват.* Аммо дар ҳаёти заминӣ мо аввал дар бораи *даъвати* Ӯ мефаҳмем, сипас мефаҳмем, ки дар Масеҳ аз азал *интихоб* шуда будем.

Мо *даъват* ва *интихобро* аз будаш устувортар карда наметавонем; ба мақсадҳои ҷовидонии Худо халал расондан имконнопазир аст. Аммо мо дар шабоҳат ба Худованд рушд намуда, онҳоро тасдиқ карда метавонем. Самари Рӯҳро зоҳир намуда, мо метавонем шаҳодати бехатои ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ доштанамонро таъмин намоем. Ҳаёти муқаддасона ҳаққонияти наҷоти моро исбот мекунад.

Ҳаёт дар покӣ моро аз *пешпо хӯрдан* эмин медорад. Гап на дар он аст, ки ба макони ҳалокати ҷовидонӣ афтодан мумкин аст; меҳнати Масеҳ моро аз ин ҷой эмин медорад. Аниқтараш, «пешпо хӯрдан» маънои ба гуноҳ афтодан, шармсор шудан ё бефоида буданро дорад. Агар дар чизҳои илоҳӣ мо имкони пешравӣ надошта бошем, ба ҳаёти мо хатари афтидан таҳдид мекунад. Аммо агар мо дар Рӯҳ қадамгузор бошем, пас чун устуворшудагон барои хизмати Ӯ наҷот меёбем. Худо масеҳиеро, ки ба хотири Ӯ ба пеш ҳаракат мекунад, эмин

медорад. Хатар дар бефаъолиятӣ ва кӯрии рӯҳонӣ аст.

**1,11** Рушди доимии рӯҳонӣ на танҳо кафили бехатарист, дар он ҳамчунин ваъдае ҳаст, ки *даромадгоҳи Подшоҳии абадии Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ ... бемалол кушода хоҳад шуд*. Ин ҷо Петрус на оиди факти даромадани мо ба он ҷо, балки оиди василаи он мегӯяд. Асоси ягона барои даромадан ба *Подшоҳии* осмон имон ба Худованд Исои Масеҳ аст. Аммо барои баъзеҳо даромадгоҳ назар ба дигарон бештар кушода хоҳад буд. Ва мукофоте ки ин ҷо оиди он гуфта мешавад, ба дараҷаи монандии касе ба Наҷотдиҳанда вобаста аст.

**1,12** Аҳамияти ҳозира ва ҷовидонии ин мавзуъро аз назар гузаронда, Петрус азми қавӣ дорад, ки дар оянда низ ба имондорон аҳамияти инкишоф додани хислати масеҳиёнаро ёдрас намояд. Ҳатто агар онҳо аллакай инро донанд ҳам, доимо ба онҳо инро ёдрас кардан даркор аст. Мо низ ҳамин тавр мекунем. Ҳатто бо он ки *мо дар ин ростӣ устувор ҳастем,* ҳамеша хатари банохост парешон шудани фикр ё фаромӯшхотирӣ ҳаст. Бинобар ин ҳақиқатро доимо такрор кардан даркор аст.

**1,13** Петрус на танҳо мақсади худ, балки вазифаи худ медонист, ки *то даме* зинда аст, муқаддасонро бо *ёдоварии* зиёд *барангезонад*. Азбаски ҳаёти вай ба охир наздик мешуд, вай зарурати аз хоби рӯҳонӣ ҳимоя кардани онҳоро дарк мекард.

**1,14** *Худованд* ба Петрус вақти марги вайро ва чӣ тавр мурданашро ошкор намуд (Юҳ. 21,18.19). Аз он замон солҳои бисёр гузаштанд. Расули пиршудаистода медонист, ки мувофиқи қонунҳои табиии ҳаёт марги вай наздик аст. Ин дониш омили иловагие буд барои мақсади вай оиди ғамхорӣ ба ҳолати рӯҳонии халқи Худо дар вақти кӯтохе ки аз умраш боқӣ мондааст.

Вай оиди марги худ чун оиди рафтан аз манзили заминӣ ё тарк кардани бадани худ – *хайма,* сухан меронад. Чунон ки хайма барои мусофирон паноҳгоҳи муваққатист, бадан низ хонаест, ки мо дар он ҳангоми мусофиратамон дар замин сокин ҳастем. Баъди марг хайма хароб мешавад. Ҳангоми ба осмон гирифта шудан бадан зинда мешавад ва дигаргун мешавад. Бадан дар шакли ҷовидонӣ ва ҷалолёфта «хона» ва «бино» номида мешавад (2Қур. 5,1).

Вақти маргашро донистани Петрус ҳақиқати омадани ногузири Масеҳро барои муқаддасонаш инкор намекунад, чунон ки баъзан баҳс мекунанд. Ҷамоати ҳақиқӣ ҳамеша интизор буд, ки Масеҳ дар ҳар лаҳза омада метавонад. Танҳо ба воситаи ваҳйи махсус Петрус медонист, ки ҳангоми бозгаштани Худованд вай аллакай дар қайди ҳаёт нахоҳад буд.

**1,15** Расул қарор дод, ки на танҳо шахсан ба муқаддасон оиди аҳамияти рушди рӯҳонӣ ёдрас намояд, балки низ пешбинӣ намуд, ки баъди вай ёдрасӣ дар шакли хаттӣ боқӣ монад. Ба шарофати мактубҳои вай имондорон метавонанд инро ҳамеша дар ёд дошта бошанд. Дар натиҷа мактубҳои Петрус дар давоми нуздаҳ аср ба мардону занон роҳро равшан мекарданд ва минбаъд ҳам то омадани Наҷотдиҳанда равшан мекунанд.

Ривоятҳои кадимии шоёни боварӣ шаҳодат медиҳанд, ки Инҷили Марқус, моҳиятан, хотираҳои шоҳидии устоди рӯҳонии вай расул Петрус мебошад.

Ана барои чӣ хизматгузории хаттӣ ин қадар муҳим аст. Ин сухани навишташуда аст, ки зистанро давом медиҳад. Ба воситаи сухани навишташуда хизматгузории шахс давом мекунад, дар ҳоле ки бадани вай аллакай дар қабр хобидааст.

Ба ҷои калимаи «мурдан» Петрус калимаи дигареро истифода мебарад, ки аз калимаи «даргузаштан» гирифта шудааст. Марги Масеҳ дар Инҷили Луқо 9,31 низ бо ҳамин калима тасвир ёфтааст. Марг на анҷоми мавҷудият, балки берун шудан, аз ҷое ба ҷои дигар гузаштан аст.

Барои мо ин оятҳо махсусан арзишнок ҳастанд, зеро нишон медиҳанд, ки барои марди Худо, ки зери сояи марг зиндагӣ мекунад, чӣ чиз муҳим аст. Калимаи *«ин»* дар ин ҷо чор бор вомехӯрад – дар оятҳои 8, 9, 12 ва 15. Агар ба ҳақиқатҳои бузурги асосгузори имони масеҳӣ аз мавқеи абадият назар андозем, онҳо арзиши бузург доранд.

**1,16** Дар оятҳои хотимавии боби 1 сухан оиди боварӣ ба омадани Масеҳ дар ҷалол меравад. Петрус дар аввал оиди боваринокии шаҳодати расулон, сипас оиди боваринокии сухани пайғамбарона сухан меронад. Петрус гӯё Аҳди Нав ва Аҳди Қадимро муттаҳид месозад ва хонандагонашро даъват менамояд, ки ба ин шаҳодати якдилона вафодор монанд.

Вай таъкид менамояд, ки шаҳодати расулон на дар асотир, балки дар факт асос ёфтааст. Онҳо *аз пайи афсонаҳои зиракона сохташуда* ё асотирҳо *нарафтаанд,* балки ба хонандагон *қувват ва омадани Худованди мо Исои Масеҳро хабар* додаанд.

Вай ба воқеаи махсус рӯ меоварад – Дигаргуншавии Масеҳ дар кӯҳ. Се расул – Петрус, Яъқуб ва Юҳанно оиди он шаҳодат додаанд. *Қувват ва омадан* – санъати адабиест барои ифодаи мафҳуми «дар қувват омадан», ё «омадани пурқудрат».[7] Дигаргуншавӣ гӯё намоиши пешакии дар қувват *омадани* Масеҳ барои бар тамоми ҷаҳон ҳукмронӣ кардан буд. Ин воқеа дар Инҷили Матто равшан тасвир ёфтааст. Исо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: аз истодагон дар ин ҷо баъзе ҳастанд, ки то Писари Одамро, ки дар Подшоҳии Худ меояд, набинанд, маргро намечашанд» (Мат. 16,28). Фавран баъд аз ин оятҳое меоянд, ки дар онҳо Дигаргуншавӣ тасвир мешавад (17,1-8). Дар кӯҳ Петрус, Яъқуб ва Юҳанно Худованд Исоро дар ҳамон ҷалоле диданд, ки Ӯ ҳангоми подшоҳии ҳазорсолааш хоҳад дошт. Се расул Писари Одамро дар ҷалоли Подшоҳии ояндаи Ӯ диданд. Ҳамин тариқ, суханони Худованд аз Матто 16,28 дар Матто 17,1-8 иҷро шуданд.

Сипас Петрус дар он исрор менамояд, ки шаҳодати расулон оиди Дигаргуншавӣ дар *афсонаҳо* асос наёфтааст (дар тарҷумаи юнонӣ асотир). Баъзе илоҳиётшиносони ҳозира ин калимаро барои ҳуҷумҳояшон ба Навиштаи Муқаддас истифода мебаранд. Онҳо «демифологизатсия» кардани (аз асотир озод намудани) Навиштаи Муқаддасро пешниҳод мекунанд. Бултман оиди «унсури асотирӣ» дар Аҳди Нав сухан меронд. Ҷон А. Т. Робинсон масеҳиёнро даъват мекард, то эътироф намоянд, ки қисми зиёди Навиштаи Муқаддас бар асотир асос ёфтааст:

*Дар асри гузашта қадами дарднок, вале ҳалкунандае ба пеш гузошта шуда буд – эътирофи он ки Китоби Муқаддас ҳақиқатан «асотир» дорад, ки шакли муҳими ҳақиқати динист. Тадриҷан ҳама, ба ғайр аз фундаменталистони ашаддӣ, тасдиқ намуданд, ки нақли китоби Ҳастӣ оиди офариниш ва гуноҳкоршавӣ ҳақиқатҳоро оиди одам ва коинот на чун таърих, балки дар шакли асотир пешкаш мекунад, аммо дар айни ҳол аз уҳдаи масъала баромад. Ҳақиқатан, барои ҳимояи ҳақиқати масеҳиёна эътироф кардан ва изҳор намудан лозим буд, ки ин ҳикояҳо таърих нестанд, бинобар ин бо ақидаҳои алтернативӣ дар антропология ё космология мусобиқа карда наметавонанд. Акнун мо мебинем, ки шахсоне ки ин гуна фарқро намегузоштанд, бар нафъи Томас Ҳакслӣ ва дӯстони вай рафтор мекарданд.*[8]

Барои рад кардани айбдоркунӣ оиди асотир Петрус се шаҳодати Дигаргуншавиро меорад: онҳо шоҳидоне буданд, ки диданд, шуниданд ва ҷисман ҳозир буданд.

Агар сухан дар бораи дидан равад, расулон *бузургии* Худовандро *бо чашми худ* диданд. Юҳанно шаҳодат медод: «Мо ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи Писари ягонаи Падар аст» (Юҳ. 1,14).

**1,17** Сипас шаҳодат оиди он чи онҳо шуниданд, оварда мешавад. Расулон *овози* Худоро шуниданд: *«Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам».* Ин суханони арзи иззату шараф ба Худованд Исо, ки онҳо шуниданд, *аз ҷониби ҷалоли бузург,* яъне аз Шекина ном абри дурахшон ва равшани ҷалол, ки рамзи ҳузури Худо буд, *сӯи Ӯ расид.*

**1,18** Дар шаҳодатҳои Яъқуб, Юҳанно ва худи Петрус таъкид карда мешавад, ки онҳо *овози* Худоро *шуниданд, ҳангоме ки бо* Худованд *дар кӯҳи муқаддас* буданд. Мо шаҳодати се шоҳидро дорем, ки чунин шаҳодат мувофиқи Матто 18,16 боэътибор ва боваринок аст.

Ниҳоят Петрус шаҳодати ҷисмониро илова мекунад: *«Мо ... бо Ӯ дар кӯҳи муқаддас будем».* Ин ҳолати воқеӣ буд; дар ин маврид ҳеҷ шубҳае буда наметавонад.

Мо намедонем, ки Дигаргуншавӣ дар кадом кӯҳ ба амал омад. Агар онро аниқ кардан мумкин мебуд, он ҷои муқаддас ва пур аз парастишгоҳҳо мегардид.[9] Он на аз боиси муқаддас будан кӯҳи муқаддас номида шудааст, балки аз боиси он ки барои воқеаи муқаддас ҷудо шуда буд.

**1,19** *Ва каломи пайғамбарӣ барои мо матонати бештаре дорад.* Пайғамбарони Аҳди Қадим омадани Масеҳро дар қувват ва ҷалоли боазамат пешгӯӣ карданд. Воқеа дар кӯҳи Дигаргуншавӣ ин пешгӯиҳоро тасдиқ кард. Он чи расулон диданд, пешгӯиҳои Аҳди Қадимро кам накард ва онҳоро аниқтар нагардонд, балки пешгӯиҳоро фақат тасдиқ кард. Расулон шукӯҳи ҷалоли Подшоҳии ояндаи Масеҳро пеш аз фаро расиданаш диданд.

Хондани қисми боқимондаи ояти 19, ки Ф. В. Грант тарҷума кардааст, аз манфиат холӣ нест: «... ва шумо дуруст мекунед, ки диққати худро ба дилҳоятон равона мекунед (ба монанди чароғе ки дар ҷои торик нур мепошад, то даме ки чашми рӯз кушода шуда, ситораи субҳ барояд)». Аҳамият диҳед, ки Грант қавсҳои даврашаклро ба кор мебарад. Мувофиқи тарҷумаи вай, мо бояд тамоми диққати худро дар дилҳоямон марказият диҳем. Дигар хел карда гӯем, мо бояд дар дилҳои худ диққат диҳем. Дар бисёр тарҷумаҳои дигар *чашми рӯз кушода шуда, ситораи субҳ дар дилҳои шумо барояд* ҳангоми тафсир мушкилиҳои амалӣ дорад.

Сухани пешгӯӣ *чароғест,* ки нур мепошад. *Ҷои торик* – ҷаҳон аст. Кушода шудани чашми *рӯз* рамзи анҷоми давраи ҳозираи Ҷамоат аст (Рум. 13,12). Баромадани *ситораи субҳ* – омадани Масеҳ барои муқаддасони Худ. Ҳамин тариқ, маънои ин оят чунин аст: мо бояд ҳамеша дар пеши худ *каломи пайғамбариро* дошта бошем, дар дилҳоямон онро қадр кунем, чунки он дар ин ҷаҳони торик чароғ хоҳад буд, то даме ки давраи файз ба анҷом расад ва Масеҳ бар абрҳо пайдо шавад, то шахсонеро, ки интизори Ӯ мебошанд, ба осмон барад.

**1,20** Дар ду ояти хотимавӣ Петрус таъкид мекунад, ки Навиштаи Муқаддаси пайғамбаронаро на одам, балки Худо офаридааст: он илҳоми илоҳӣ дорад.

*Ҳеҷ як пайғамбарии Китоб аз тафсири худи пайғамбар нест.*[10] Ин изҳорот маънидодҳои зиёдеро ба миён овард. Баъзеи онҳо бемаънӣ ҳастанд, чун нуқтаи назаре ки гӯё тафсири Навиштаи Муқаддас имтиёзи Ҷамоат аст, ва шахсони алоҳида набояд онро омӯзанд!

Дигар маънидодҳо тасдиқоти ҳақиқӣ буда метавонанд, агарчи маънои ин оятро намекушоянд. Масалан, он чиз ҳақиқат аст, ки ягон оятро алоҳида тафсир кардан мумкин нест, балки онҳоро дар матн аз назар гузаронда, қисми боқимондаи Навиштаи Муқаддасро ба инобат гирифтан даркор аст.

Аммо Петрус ин ҷо на бо он ки одамон сухани аллакай додашударо чӣ гуна маънидод мекунанд, балки бо пайдоиши сухани пайғамбарона сару кор дорад. Гап дар он аст, ки вақте пайғамбарон менавиштанд, онҳо *тафсири шахсӣ* ё хулосаҳои худро намедоданд. Дигар хел карда гӯем, *тафсир* ба фаҳмидани Калом барои онҳое ки Китоби Муқаддасро дар шакли хаттӣ доранд, дахл надорад. Аниқтараш, он ба роҳҳое дахл дорад, ки Калом дар ибтидо ба воситаи онҳо пайдо шудааст.

Д. Т. Янг менависад:

*Ҳамин тариқ, матни дуруст фаҳмидашуда ... исбот мекунад, ки Навиштаи Муқаддас аз ҷиҳати пайдоиш инсонӣ нест. Ин маънидоди илоҳист, на одамӣ. Мо аксаран мешунавем, ки баъзе тасдиқоти Навиштаи Муқаддас ақидаи Довудро, Павлусро, ё Петрусро ифода мекунанд. Аммо, агар дақиқ гӯем, дар Навиштаи Муқаддас ягон ақидаи инсонӣ нест. Он ҷо фақат фаҳмиши илоҳии чизҳо ҳаст. Ҳеҷ пешгӯии Навиштаи Муқаддас тафсири инсони алоҳидаро баён намекунад: одамон бо таҳрики Рӯҳулқудс сухан меронданд.*[11]

Ҳамин тариқ, тарҷума бо калимаи «пайдоиш» хеле аниқ аст, ва мо боварӣ дорем, ки он бештар аз ҳама ба матн мувофиқат мекунад.

**1,21** Ин оят маънидодеро, ки ҳозир дар ояти 20 дода шуд, тасдиқ мекунад. *Зеро ҳаргиз пайғамбарӣ бо хости одамизод оварда нашудааст.* Касе гуфтааст: «Он чи онҳо навиштаанд, омехтагии афкори худи онҳо ё натиҷаи тахайюлот, фаҳмиш ё тахминҳои инсонӣ набуд».

Амалан *муқаддасони Худо, бо ангезиши Рӯҳулқудс, онро ба забон овардаанд.*[12] Бо як тариқе ки мо то охир намефаҳмем, Худо ба ин одамон суханонеро медод, ки онҳо менавиштанд, ва дар айни ҳол фардият, ё услуби муаллифонро нобуд накард. Ин яке аз оятҳои асосии Китоби Муқаддас аст. Ҳозир, ҳангоме ки бисёриҳо эътибори Навиштаи Муқаддасро рад мекунанд, илҳоми таҳтуллафзӣ, мутлақи Каломи беғалатро сахт ҷонибдорӣ кардан муҳим аст.

Илҳоми таҳтуллафзӣ гуфта мо онро дар назар дорем, ки калимаҳои аз ҷониби чил ё зиёда муаллифон навишташуда илҳоми илоҳӣ доранд (ниг. 1Қур. 2,13). Худо схемаи умумӣ ё баъзе идеяҳои асосиро намедод, то сипас ба муаллифон имкон диҳад, ки онҳоро мувофиқи хости худ баён кунанд. Ҳар як калимаеро, ки онҳо менавиштанд, *Рӯҳулқудс* медод.

Илҳоми мутлақ гуфта мо онро дар назар дорем, ки тамоми Навиштаи Муқаддас, аз китоби Ҳастӣ сар карда то Ваҳй, ба таври баробар аз ҷониби Худо дода шудааст. Ин Каломи Худост (ниг. 2Тим. 3,16). Беғалат гуфта мо онро дар назар дорем, ки Сухани ниҳоии Худо

дар асл на танҳо аз нуқтаи назари таълимоти динӣ, балки низ аз нуқтаи назари таърих илм, хронология ва ҳамаи дигар соҳаҳо комилан бехатост.

## III. ПЕШГӮӢ ОИДИ ПАЙДО ШУДАНИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (Б. 2)

**2,1** Дар охири боби 1 Петрус пайғамбарони Аҳди Навро чун одамоне зикр кардааст, ки на бо ихтиёри худ, балки бо ангезиши Рӯҳулқудс гап мезаданд. Акнун вай ёдрас мекунад, ки ба ғайр аз пайғамбарони ҳақиқии давраи Аҳди Қадим *пайғамбарони дурӯғин низ буданд*. Ҳамчунин дар давраи масеҳият ҳам муаллимони сазовори боварӣ ва ҳам *муаллимони дурӯғин мешаванд*.

Ин *муаллимони дурӯғин* дар Ҷамоат ҷойгир мешаванд. Онҳо худро ходимони Хушхабар вонамуд мекунанд. Маҳз ҳамин чиз махсусан хатарнок аст. Агар онҳо баромада рӯйрост изҳор мекарданд, ки атеист ё агностик ҳастанд, одамон ҳушёр мебуданд. Аммо онҳо дар дурӯғгӯӣ моҳиранд. Онҳо Навиштаи Муқаддасро гирифта мегарданд ва ифодаҳои дар масеҳият маъмулро истифода мебаранд, аммо ба онҳо маънои тамоман баръакс медиҳанд. Президенти семинарияи илоҳиётшиносии либералӣ ин стратегияро чунин тасдиқ намудааст:

*Ҷамоатҳо бисёр вақт бе расман даст кашидан аз нуқтаи назаре ки пештар дастгирӣ карда мешуд, ақидаҳои худро дигар мекунанд, ва илоҳиётшиносони онҳо одатан роҳи бо гузашта пайваст буданро ба воситаи истифодаи маънидоди нав меёбанд.*

В. А. Крисвэлл муаллими дурӯғинро чунин тасвир мекунад:

*Шахси донишманди боназокат, кушодарӯй ва босалобат, ки худро дӯсти Масеҳ муаррифӣ мекунад. Вай аз минбар мавъиза мекунад, китобҳои илмӣ менависад, дар маҷаллаҳои масеҳӣ мақолаҳо чоп мекунад. Вай ба масеҳият аз дарун ҳуҷум мекунад. Вай ҷамоат ва мактабро ба лонаи ҳар гуна парандагони ифлос ва нопок табдил медиҳад. Вай ғизоро дар таълимоти саддуқиён метуршонад.*[13]

Ин муаллимони дурӯғин аз куҷо пайдо мешаванд? Шояд ҷойҳои бештар аёнеро, ки онҳоро ёфтан мумкин аст, зикр кардан меарзад:

- протестантизми либералӣ ва ғайримуътақидона;
- католисизми либералӣ;
- унитаризм ва универсализм;
- Шоҳидони Яҳува;
- мормонизм;
- илми масеҳӣ
- мактаби ягонагии масеҳӣ;
- христоделфианизм;
- армстронгизм («Радиоҷамоати Худо»).

Онҳо зери ниқоби хизмати росткорӣ, дар баробари таълимоти ҳақиқии Навиштаи Муқаддас, пинҳонӣ *фирқаҳои* барои ҷон *ҳалокатоварро ҷорӣ* мекунанд. Ин омехтаи ҳақиқат ва дурӯғ аст, ки касро дидаву дониста ба иштибоҳ меандозад. Пеш аз ҳама маҷмуи радкуниҳоро ба таври чакана мефурӯшанд. Инак баъзе радкуниҳое ки дар гурӯҳҳои зикршуда ёфтан мумкин аст.

Онҳо илҳоми илоҳии таҳтуллафзӣ ва мутлақ доштани Навиштаи Муқаддас, Ваҳдати Сегона, Илоҳияти Масеҳ, аз бокира зода шудани Ӯро ва марги ивазкунандаи Ӯро барои гуноҳкорон инкор мекунанд. Онҳо махсусан бебаҳо будани хуни рехтаи Ӯро бо шиддат рад мекунанд. Онҳо растохези ҷисмонии Ӯ, доварии ҷовидонӣ, наҷот бо файз ба воситаи имон ба Худованд Исо ва воқеияти мӯъҷизаҳои Китоби Муқаддасро инкор мекунанд.

Дигар таълимоти бардурӯғе ки дар замони ҳозира маъмуланд:

Назарияи Кеносис, – бидъате ки мувофиқи он Масеҳ ба замин фаромада, аз нишонаҳои илоҳӣ маҳрум шуд, яъне метатавонист гуноҳ кунад, хато кунад ва ғайра;

Фантазияи «Худо мурдааст», эволютсия, наҷоти универсалӣ, аъроф, дуоҳо оиди мурдаҳо ва ғайра.

Гуноҳи калонтарини муаллимони дурӯғин он аст, ки онҳо Худовандро, ки барои онҳо *фидия дода* буд, рад мекунанд. Онҳо оиди Исо суханони хуб гуфта, ба «илоҳӣ будан»-и Ӯ, ахлоқи баланди Ӯ, намунаи барҷастаи Ӯ ишора карда, дар айни ҳол Ӯро тамоман Худо ва Наҷотдиҳандаи ягона наҳисобида метавонанд.

Нелс Ферре навишта буд: «Исо ҳеҷ гоҳ Худо набуд ва Худо нашуда буд ... Исоро Худо номидан – бутро бо Оне ки ҷисм шуд, иваз кардан аст».[14]

Усқуфи методист Ҷералд Кеннедӣ бо ин розӣ буд:

*Ман рӯйрост иқрор мешавам: ин тасдиқ (ки Масеҳ Худост) ба ман маъқул нест ва аз қаноатбахш дур метобад. Ман чунин тасвияро афзал меҳисобидам: Худо дар Масеҳ буд, зеро ман чунин меҳисобам, ки шаҳодати Аҳди Нави ба таври умумӣ гирифташуда зидди таълимот оиди Худо будани Масеҳ равона карда шудааст, агарчи, ба фикрам, он дар худ оиди илоҳияти Масеҳ шаҳодатҳои бешумор дорад.*[15]

Бо ин роҳ ва бисёр роҳҳои дигар *муаллимони дурӯғин Худовандеро,* ки *онҳоро харид,* инкор мекунанд. Ин ҷо мо бояд биистем ва ба худ ёдрас кунем, ки ин муаллимони дурӯғинро, ки Петрус дар бораи онҳо менависад, Худованд фидия дода харида буд, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буданд. Аҳди Нав байни фидия дода харидан (бозхарид намудан) ва наҷот додан фарқ мегузорад. Ҳама бозхарид шудаанд, аммо на ҳама наҷот меёбанд. Наҷот онҳоеро интизор аст, ки Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунанд, ва арзиши хунеро, ки Ӯ барояшон рехтааст, аз они худ кунанд (1Пет. 1,18.19).

Дар Инҷили Матто 13,44 Худованд Исо чун одаме тасвир шудааст, ки ҳама чизро фурӯхт, то киштзор бихарад. Дар ояти 38-уми ҳамин боб киштзор возеҳан ҷаҳон номида шудааст. Ҳамин тариқ, Худованд бо марги Худ дар салиб ҷаҳон ва ҳамаи сокинони онро бозхарид намуд. Аммо Ӯ тамоми ҷаҳонро наҷот надодааст. Қурбонии Ӯ барои тамоми инсоният кофӣ буд, аммо фақат барои онҳое таъсирбахш аст, ки аз гуноҳҳояшон пушаймонанд, ба Ӯ бовар мекунанд ва қабулаш мекунанд.

Ин муаллимони дурӯғин ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд, ва ин дар тақдири онҳо инъикос меёбад. Онҳо *ба зудӣ ба сари худ ҳалокат хоҳанд овард.* Ҳалокати онҳо – ҷазои ҷовидонӣ дар кӯли оташ аст.

**2,2** Петрус пешгӯӣ мекунад, ки онҳо пайравони зиёдеро ҷалб мекунанд. Онҳо меъёрҳои ахлоқии Навиштаи Муқаддасро зери по карда ва ба ҳавасҳои ҷисм ҷуръат дода, ба он ноил мешаванд. Инак ду мисол.

Усқуфи англиканӣ Ҷон А. Т. Робинсон навишта буд:

*Ҳеҷ чизро ҳамеша чун «нодуруст» тамға гузоштан мумкин нест. Масалан, чунин изҳор доштан мумкин нест, ки муносибатҳои ҷинсӣ то оиладорӣ ё талоқ худ аз худ нодуруст ё гуноҳ мебошанд. Онҳо дар 99 ҳолат аз 100 ва ё ҳатто дар 100 ҳолат аз 100 чунин буда метавонанд, аммо ботинан чунин нестанд, чунки ягона бадие ки хоси онҳост, набудан ё камии муҳаббат аст.*[16]

Дар китоби «Ба озодии масъулиятнок даъватшуда», ки Шурои Миллии ҷамоатҳои ИМА нашр кардааст, ба ҷавонон маслиҳат дода мешавад:

*Дар маънои шахсӣ, инфиродӣ, на ҳолати берунии оилавии одамон дар назди қонун, балки аниқтараш, он чи онҳо дар дил нисбати якдигар ҳис мекунанд, тамоюлоти ҷинсиро сафед мекунад ва пок менамояд. Агар ба масъала аз ин нуқтаи назар наздик шавем, пас ишқбозӣ дар намуди «даст ба даст» метавонад хеле нодуруст бошад, дар ҳоле ки бозии маҳрамонаи ҷинсӣ дуруст ва хуб буда метавонад.*[17]

Дар натиҷаи чунин гуна рафтор, ки муаллимони дурӯғин таълим медиҳанд ва амалӣ мегардонанд, *роҳи ростӣ* таҳқир карда мешавад. Беимонон аз масеҳият нафрати зиёд доранд.

**2,3** Ин муаллимони дурӯғин ҳам дар соҳаи ҷинсӣ ва ҳам дар соҳаи молиявӣ ҳарис ҳастанд. Онҳо хизматгузориро чун касби фоидаовар интихоб намудаанд. Мақсади асосии онҳо ба даст овардани пайравони зиёд ва ҳамин тариқ фоидаи худро зиёд кардан аст.

Онҳо *аз рӯи тамаъкорӣ бо суханони фиребанда* одамонро *суиистифода мекунанд.* Дарбӣ гуфтааст: «Шайтоне иблистар аз он касе нест, ки Китоби Муқаддасро ҳамроҳаш гирифта мегардад». Ин одамон, Китоби Муқаддас дар даст, худро ходимони ростӣ вонамуд мекунанд, сурудҳои маълуми инҷилиро мехонанд ва ифодаҳои Китоби Муқаддасро истифода мебаранд. Аммо ҳамаи ин барои пинҳон кардани таълимоти бидъаткорона ва бадахлоқӣ мебошад.

Ин намояндагони дурӯғини динро маҳкумияти даҳшатовар интизор аст. *Ҳукми онҳо кайҳо муҳайёст;* он барои рехтани хун омода шудааст. *Ва ҳалокати онҳо пинак нарафтааст;* он ҳушёр буда, чун бабр ба ҳуҷум тайёр аст.

**2,4** Дар оятҳои 4-10 аз Аҳди Қадим се намунаи доварии Худо бар муртадон – фариштагон, одамоне ки то туфон зистаанд, ва шаҳрҳои Садӯм ва Амуро – оварда шудааст.

Мо тахмин мекунем, ки *фариштаҳои гунаҳкор* ҳамонҳое мебошанд, ки дар Яҳудо

6 зикр шудаанд. Он ҷо мо дармеёбем, ки 1) онҳо эътибори худро нигоҳ надоштанд; 2) онҳо манзили худро тарк карданд. Агарчи мо дилпур буда наметавонем, асоси қавие ҳаст, то чунин пиндорем, ки инҳо ҳамон «писарони Худо» мебошанд, ки дар Ҳастӣ 6,2 зикр шудаанд: «Писарони Худо духтарони одамизодро диданд, ки хушрӯянд, ва ҳар кадомро, ки хуш мекарданд, барои худ ба занӣ мегирифтанд». Фариштаҳо дар Айюб 1,6 ва 2,1 фарзандони Худо номида шудаанд. Дар асоси Ҳастӣ 6 тахмин карда мешавад, ки ин фарзандони Худо мартабаи фариштагии худро нигоҳ надоштанд, манзили худро дар осмон тарк карда, ба замин фаромаданд ва дар он ҷо ба худ занҳои одамӣ гирифтанд. Фарзандоне ки аз онҳо зода шуданд, «нефилим» буданд, ки маънояш «афтодагон» аст (Ҳас. 6,4). Чунон ки аз Ҳастӣ 6,3 аён аст, ин алоқаҳои ҷинсии ғайримуқаррарӣ дар назари Худо хеле бад буданд.

Ин нуқтаи назарро рад карданӣ шуда, одатан далели зеринро меоваранд: фариштаҳо беҷинсанд ва бинобар ин зан гирифта наметавонанд. Аммо Навиштаи Муқаддас ин тавр намегӯяд. Он фақат мегӯяд, ки онҳо дар осмонҳо зан намегиранд (Марқ. 12,25). Дар Аҳди Қадим фариштаҳо бисёр вақт дар шакли одамӣ зоҳир мешуданд. Масалан, Лут ду фариштаро дид, ки ба Садӯм омада буданд (Ҳас. 19,1); онҳо дар оятҳои 5, 10 ва 12 чун мардҳо тасвир ёфтаанд. Онҳо пойҳо (о. 2) ва дастҳо (о. 10) доштанд; онҳо хӯрда метавонистанд (о. 3); онҳо қувваи ҷисмонӣ доштанд (о. 10.16). Ҳавасҳои ғайритабиии садӯмиён аз он дарак медиҳанд, ки фариштагон ҷисмҳое доштанд, ки имкон дошт аз ҷиҳати ҷинсӣ суиистифода карда шаванд (о. 5).

*Худо* аз он ҷиҳат ранҷида буд, ки *фариштагон* тартиби муқарраркардаи Ӯро сахт вайрон карда буданд. Ӯ ба онҳо амон надод, балки бо бандҳои торикии зулмот баста, то *доварии* ниҳоӣ ба дӯзах партофт.

**2,5** Тасвири дуюми мудохилаи рӯирости Худо ва ҷазо барои гуноҳҳо ба одамоне дахл дорад, ки ҳангоми *туфон* ҳалок шуда буданд. Бадкирдории онҳо бисёр буд. Ҳамаи фикру андешаҳои дили онҳо ҳамеша бад буд (Ҳас. 6,5). Ва замин пеши Худо фосид шуд, ва замин аз ситам пур шуд (Ҳас. 6,11-13). Худо афсӯс хӯрд, ки одамизодро бар замин офарид (Ҳас. 6,6). Ӯ чунон ғамгин шуда буд, ки қарор дод ҳамаи одамонро аз рӯи замин нест кунад (Ҳас. 6,7). *Ӯ ба дунёи қадим амон надод,* балки *туфонро* бар он овард, то одамони бехудои онро нобуд созад.

Фақат *Нӯҳ* ва оилаи вай дар назари Парвардигор илтифот ёфтанд. Онҳо паноҳ ҷуста, онро дар киштӣ пайдо карданд ва талотуми хашму ғазаби Худоро саломат паси сар карданд.

*Нӯҳ* чун *воизи росткорӣ* қаламдод шудааст. Бешубҳа, ҳангоме ки вай киштиро месохт, зарбаҳои болға гӯё мушоҳидони масхаракунандаро огоҳ менамуд, ки аз гуноҳ рӯ гардонанд, вагарна барои бадкирдории худ гирифтори ҷазои одилонаи Худо мешаванд.

**2,6** Мисоли сеюми доварии беамони Худо ба вайроншавии *Садӯм ва Амуро* дахл дорад. Ин ду шаҳри воқеъ дар ҷануби минтақаи ҳозираи баҳри Мурда лонаи фасоди ҷинсӣ буданд. Одамон дар он ҷо ҳомосексуализмро шакли маъмулии ҳаёт меҳисобиданд. Ҳамин гуна гуноҳ дар Румиён 1,26.27 тасвир ёфтааст:

*«Занони онҳо ҷимои табииро ба ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд; ҳамчунин мардон ҷимои табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд, ва мард бо мард бо кирдори нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худашон диданд».*

Худо ин гуна фасоди лаҷомгусехтаро на беморӣ, балки гуноҳ меҳисобид. Барои ба ҳамаи наслҳои оянда нишон додани нафрати махсуси Худ ба ҳомосексуализм Ӯ бар Садӯм ва Амуро кибрит ва оташро фурӯ рехт (Ҳас. 19,24), ва онҳоро ба хокистар табдил дод. Харобӣ чунон сахт буд, ки ҳоло ҳам оиди ҷойи аниқи ин шаҳрҳо шубҳаҳои зиёд мавҷуданд. Онҳо барои ҳамаи онҳое ки ин гуноҳро қонунӣ мегардонанд ё чун бо беморӣ муросо мекунанд, дарсе мебошанд.

Зикр кардан муҳим аст, ки имрӯзҳо рӯҳониёни либералӣ бештару бештар рӯйрост ба тарафдории фасоди ҷинсӣ изҳори ақида мекунанд. Яке аз мансабдорони «Ҷамоати Муттаҳидаи Масеҳ» дар маҷаллаи «Амали иҷтимоӣ» ба ҷамоатҳо маслиҳат дод, ки тафриқаи ҳомосексуалистонро ҳангоми қабул кардан ба семинарияҳо, таъйин кардан ба мансаби рӯҳонӣ ва дохил намудан ба қатори кормандони ҷамоат қатъ намоянд. Навад коҳини «Ҷамоати Усқуфӣ» ба қарибӣ қарор доданд, ки муносибатҳои ҳомосексуалӣ миёни

калонсолон ахлоқан бетараф (на хуб на бад) мебошанд, агар ин бо розигии тарафайн рӯй диҳад. Муаллимони дурӯғини дин дар маркази ҳаракати қонунӣ гардондани ин гуноҳ мебошанд.

Дар ин Номае ки бо муртадӣ сару кор дорад, ин қадар зикри бисёр дар хусуси бадахлоқӣ тасодуфӣ нест, чунки ҳам ин ва ҳам он аксаран ҳамқадам мебошанд. Решаҳои муртадӣ аксаран дар сукути ахлоқӣ мебошанд. Масалан, шахс метавонад гуноҳи ҷиддии ҷинсӣ содир кунад. Ба ҷои эътироф кардани гуноҳи худ ва бо хуни Масеҳ пок шудан вай қарор медиҳад маърифати Худоро, ки рафтор ва зиндагии вайро мазаммат мекунад, дур андозад ва амалан Худоро инкор кунад. А. Ҷ. Поллок оиди вохӯрӣ бо ҷавоне нақл мекунад, ки замоне худро масеҳӣ меҳисобид, аммо акнун пур аз шубҳаҳо ва раддияҳо буд. Поллок аз вай пурсид: «Дӯстам, шумо вақтҳои охир кадом гуноҳ содир кардаед?» Ҷавон сарашро ҳам кард, ва суҳбатро қатъ намуда, бо ваҷоҳати хиҷолатомез рафт.[18]

**2,7** Худи ҳамон Худо, ки осиёнро нобуд мекунад, *росткоронро* раҳоӣ мебахшад. Петрус инро дар мисоли *Лут* нишон медиҳад. Агар мо маълумотҳоро оиди Лут танҳо аз Аҳди Қадим мегирифтем, ба гӯшаи хотирамон ҳам намеомад, ки вай имондори ҳақиқист. Дар Ҳастӣ вай чун шахсе тасвир ёфтааст, ки ба худ ҷой намеёбад, дар пайи манфиат аст, ва мехоҳад гуноҳ ва фасодро таҳаммул кунад, то ки дар ҷаҳон ба худ ҷой ва ном ба даст оварад. Аммо Петрус, ки бо илҳоми Худо менавишт, ба мо хабар медиҳад, ки Лут одами *росткор* буд, ки *аз рафтори бадахлоқонаи бадкирдорон ба танг омада буд*. Худо медид, ки Лут имони ҳақиқӣ дошт, росткориро дӯст медошт ва гуноҳро бад медид.

**2,8** Барои таъкиди он ки новобаста ба ихтилофи зоҳирӣ, Лут ҳақиқатан *росткор* буд, Петрус такрор мекунад, ки аз дидан ва шунидани корҳои бад дар Садӯм ҷони вай ҳар рӯз *азоб мекашид*. Бадахлоқии даҳшатовари одамон ӯро сахт азоб медод.

**2,9** Хулоса чунин аст: *Худованд медонад, ки чи гуна парҳезгоронро аз озмоиш раҳо кунад* ва гуноҳкоронро ҷазо диҳад. Ӯ метавонад одамони Худро аз доварӣ наҷот диҳад ва дар айни замон *бадкирдоронро барои ҷазо то рӯзи доварӣ дар қайду банд нигоҳ дорад*.

Гуноҳкорон барои дӯзах нигоҳ дошта мешаванд (о. 9), ва дӯзах – барои онҳо (о. 17). Бар акси ин, барои имондорон мерос нигоҳ дошта мешавад, ва онҳо барои мерос нигоҳ дошта мешаванд (1Пет. 1,4.5)

**2,10** Гуноҳкоронро то доварии ниҳоӣ дар маҳбусӣ нигоҳ дошта тавонистани Худо махсусан барои гурӯҳи одамони дар ин боб тасвиршуда ҳаққонист – муаллимони дурӯғин, ки ҳаёташон бо *ҳавасҳои* ҷинсӣ нопок шудааст, ва онҳое ки бар зидди сарварон исён мекунанд ва онҳое ки ба мансабдорони олирутба густохона суханони таҳқиромез мегӯянд.

Пӯшида нест, ки ба роҳбарони дурӯғини динӣ, ки худро ходимони Масеҳ вонамуд мекунанд, бисёр вақт меъёрҳои пасти ахлоқ хос аст. Онҳо на танҳо рафторҳои ҷинсии ғайриқонуниро ба худ раво мебинанд, балки рӯйрост бебанду бориро ҳимоя мекунанд. Сардор-усқуфи як мактаб барои духтарон дар Балтимор, штати Мэриленд навишта буд:

*Ҳамаи мо бояд осуда шуда, ҳис кардани гуноҳро оиди амалҳо, фикрҳо ва хоҳишҳои ҷинсиямон бас кунем. Ман инро дар назар дорам: фикрҳо ҳар гуна бошанд ҳам – ҳетеросексуалӣ, ҳомосексуалӣ ё аутосексуалӣ ... амали ҷинсӣ – шодӣ аст ... пас, ҳеҷ қонуне нест, ки шуморо ба кардан ё накардани ягон амал вазифадор кунад. Яъне, ҳеҷ гуна қоидаи бозӣ вуҷуд надорад.*[19]

Ҳамчунин он чиз муҳим аст, ки роҳбарони либералии динӣ одатан дар маркази ҳаракатҳое мебошанд, ки барои сарнагун кардани ҳукумат мубориза мебаранд. Ходимони модернистӣ аксаран ба ҳаракатҳои сиёсии ифроткор ҳамроҳ мешаванд. Директори корҳои ҷамоатӣ ва ҷамъиятии пресвитерияи Филаделфия гуфтааст: «Гумон намекунам, ки агар ҳамаи усулҳои осоишта таъсирбахш набошанд, мо дар оянда ба ин (аз ҷониби ҷамоат истифода шудани бомбаҳо ва норинҷакҳо) рӯ намеоварем».

Ин одамон густох ва худраъй мебошанд. Аз ҷониби онҳо бешармона рад карда шудани ҳама гуна ҳокимияти қонунӣ, аз афташ, ҳадду ҳудуд надорад. Онҳо дар таҳқири ҳокимони худ аз ҳеҷ гуна забон ибо намекунанд. Онҳо аз ҷониби Худо муқарраршуда будани ҳокимиятҳои одамӣ (Рум. 13,1) ва манъ будани бадгӯиро нисбати ҳукуматдорон (Аъм. 23,5) ба инобат намегиранд. Аз афташ, бо айбдоркунии бадқасдонаи *бузургон* (юн. «машҳурон»

ё «шукӯҳмандон») дар хиҷолат монондани дигарон ба онҳо ҳаловат мебахшад. Ин истилоҳи умумӣ буда, ҳам фариштагон, ҳам одамонеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби Худо ҳокимияти олиро доро мебошанд. Шояд ин калима дар ин ҷо ҳокимони одамиро ифода мекунад.

**2,11** Густохии ин шахсоне ки иддаои ходимии динро доранд, ҳатто дар байни фариштагон ҳамто надорад. Агарчи *фариштагон дар қудрат ва қувват аз* одамон *бартарӣ доранд,* онҳо *назди Худованд* бар зидди ҳукуматдорон *ҳукми бадгӯёна намекунанд.* Ин ҷо ишора ба ҳукуматдорон (ё шукӯҳмандон), аз афташ, фариштагонеро дар назар дорад, ки дар сари қудрат мебошанд.

Чунин қабул шудааст, ки ин ишораи норавшан ба фариштагон монандие бо ишора дар Номаи Яҳудо 9 дорад: «Вақте ки фариштаи муқарраб Микоил бо иблис гуфтугӯ карда, дар бораи ҷасади Мусо баҳс менамуд, ҷуръат накард, ки бадгӯие ба забон ронад, балки гуфт: Худованд туро ҷазо диҳад». Мо намедонем, ки чаро дар бораи ҷасади Мусо баҳс мерафт. Барои мо ин чиз муҳим аст: Микоил медонист, ки дар олами рӯҳҳо иблис мақоми бонуфузеро дорад, ва агарчи вай бар Микоил ҳеҷ қудрате надошт, Микоил ба бадгӯӣ рӯ наовард. Пас, оиди густохии одамон фикр кунед, ки ҷуръат мекунанд он кореро кунанд, ки фариштагони муқаддас аз он худдорӣ менамоянд! Ва оиди доварии мувофиқ фикр кунед, ки онҳо дар он барои чунин рафтори густохонаашон сазо хоҳанд гирифт!

**2,12** *Онҳо,* ин роҳбарони динии муртад, ҳайвоноти беақлро ба хотир меоранд. Ба ҷои истифодаи мантиқи муҳокимаронӣ, ки онҳоро аз ҳайвонот фарқ мекунонад, онҳо чунин зиндагӣ мекунанд, гӯё тамоми моҳияти мавҷудияти онҳо аз қонеъ намудани хоҳишҳои шаҳвонӣ иборат аст. Бисёрии ҳайвонҳо, аз афташ, тақдири сазовортаре аз он надоранд, ки азоб дода шаванд ва кушта шаванд. Ҳамин тавр, муаллимони дурӯғин низ даъвати ҳақиқии худ – ҷалол додани Худо ва ҷовидона аз Ӯ ҳаловат бурданро сарфи назар карда, нобудшавии худро наздик мекунанд.

Онҳо *ба он чи намефаҳманд, бадгӯӣ мекунанд.* Нодонии онҳо махсусан вақте зоҳир мешавад, ки Навиштаи Муқаддасро танқид мекунанд. Онҳо аз ҳаёти илоҳӣ маҳруманд, бинобар қодир нестанд суханон, роҳҳо ва корҳои Худоро фаҳманд (1Қур. 2,14). Аммо бо вуҷуди ин онҳо худро дар соҳаи рӯҳонӣ мутахассис метарошанд. Имондори хоксор ба зону истода чизи бештареро мебинад, назар ба он ки онҳо – ба нӯги пой истода.

Онҳо айнан ба монанди ҳайвонҳо нобуд карда мешаванд. Онҳо ҳаёти ҳайвониро интихоб намудаанд ва ҳамин тавр хоҳанд мурд. Марги онҳо аз байн рафтан нахоҳад буд, онҳо бешарафона ва бе умед хоҳанд мурд.

**2,13** Баъди марг онҳо барои *бадкирдории* худ азоб мекашанд. Филлипс инро чунин баён кардааст: «Бадкирдориҳои онҳо боиси анҷоми бади онҳо шудаанд ва музди онҳо пурра пардохта хоҳад шуд».

Ин одамон то дараҷае беҳаё ва фосиданд, ки корҳои гуноҳолуди худро ҳатто дар равшании рӯз ба амал меоранд. Бисёрии одамон дар торикии шаб ба майгусорӣ дода мешаванд (Юҳ. 3,19), бинобар ин чароғҳои майкадаҳо ва фоҳишахонаҳо одатан хира ҳастанд (1Тас. 5,7). Муаллимони дурӯғин маҳдудиятҳоро, ки одатан гуноҳро дар торикӣ ниҳон медоранд, дур андохтаанд.

Ҳангоме ки онҳо ҳамроҳи масеҳиён хӯрок мехӯранд, онҳо чун *доғҳои нангин* ҳастанд, яъне бешармона, зишткорона ба хонаҳои бегонагон дохил шуда, аз пурхӯрӣ ва нӯшидани бисёр ҳаловат мебаранд. Ин гуна одамонро тасвир намуда, Яҳудо мегӯяд: «Инҳо олудагие дар зиёфатҳои муҳаббати шумо мебошанд, ҳангоме ки бо шумо бе ҳаросе айшу ишрат карда, шиками худро мепарваранд» (Яҳ. 12). Дар шомҳои муҳаббате ки дар ҷамоати расулон дар баробари Шоми Худованд ташкил карда мешуданд, иштирок намуда, муаллимони дурӯғин аз эътидол берун мешуданд ва ба маънои рӯҳонии ин ҷашн ҳеҷ аҳамияте намедоданд. Ба ҷои дар бораи дигарон фикр кардан, ки ҳамеша ба муҳаббат хос аст, онҳо худхоҳона фақат дар бораи худ ғамхорӣ мекарданд.

**2,14** Боз ҳам нанговартар он аст, ки *чашмони онҳо пур аз зино ва гуноҳи доимист.* Ин ҷо одамоне тасвир карда мешаванд, ки аз афташ, мавъиза мекунанд, маросимҳои диниро ба ҷо меоваранд, аъзоёни ҷамоатро насиҳат медиҳанд; дар айни замон чашмони онҳо доимо занҳоеро меҷӯянд, ки бо онҳо машғули зино шудан мумкин аст. Майли онҳо ба шаҳват, ки шояд зери «либос»-и хизматгузорӣ ниҳон аст, гӯё ҳадду ҳудуде надорад.

Онҳо *ҷонҳои ноустуворро ба худ ҷалб мекунанд.* Шояд, гуноҳро сафед карда, онҳо ҷойҳои Навиштаи Муқаддасро нодуруст истифода мебаранд. Ё чунин мефаҳмонанд, ки масъалаҳои «оё ин хуб аст ё бад» бештар бо фарҳанг муайян карда мешаванд. Ё бо нармзабонӣ фиребхӯрдагони худро бовар мекунонанд, ки он чи аз рӯи муҳаббат карда мешавад, нодуруст буда наметавонад. Ҷонҳои ноустувор ба осонӣ хулоса мебароранд: агар ин барои роҳбари динӣ дуруст бошад, пас, ин барои мардуми омӣ низ бояд дуруст бошад.

Дили онҳо *ба тамаъкорӣ омӯхта шудааст.* Онҳо на ҳаваскорони қаторӣ, балки устодони санъати васвасаандозӣ мебошанд. Калимаи *тамаъкорӣ* ҳама навъҳои хоҳишҳои беандозаро дар бар гирифта метавонад, аммо ин ҷо, аниқтараш, ба хоҳишҳои ҷинсӣ далолат мекунад.

Петрус оиди ин тақлиди масхараомези даҳшатовар ба масеҳият, оиди гуноҳе ки ин муртадон, худро бо номи Масеҳ алоқаманд намуда, содир мекунанд, фикр мекунад ва бинобар ин нидо мекунад: *онҳо фарзандони лаънат ҳастанд!* Вай онҳоро лаънат намегӯяд; вай фақат пешбинӣ мекунад, ки онҳо лаънати Худоро дар тамоми тундии он хоҳанд дид.

**2,15** Ин муаллимони дурӯғин аз бисёр ҷиҳат ба пайғамбар *Билъом ибни Баӯр* монанд ҳастанд. Онҳо худро бардурӯғ сухангӯёни Худо метарошанд (Ад. 22,38). Онҳо дигаронро ба васваса меандозанд (Ваҳй 2,14). Аммо монандии асосӣ дар он аст, ки онҳо хизматгузориро чун воситаи сарватманд шудан истифода мебаранд. *Билъом* пайғамбари мидёнӣ буд, ки вайро подшоҳи Мӯоб барои лаънат кардани Исроил киро карда буд. Водоркунандаи иҷрои ин вазифа пул буд.

**2,16** Ҳангоми яке аз кӯшишҳои лаънат кардани Исроил Билъом ва модахари вай Фариштаи Худовандро вохӯрданд (яъне Худованд Исоро дар яке аз симоҳои вай то таҷассум). Модахар қатъиян ба пеш рафтан намехост. Вақте ки Билъом ба задани вай сар кард, *хар* ба вай бо овози одамӣ гап зад (Ад. 22,15-34). Ин ҳодисаи ҳайратовар буд: *хари безабон,* ки *бо овози одамӣ сухан ронд* (ва аз соҳибаш бештар фаҳмиши солим дошт!) Аммо муъҷиза Билъомро ба он андоза ҳайрат наоварد, ки *девонагии* пайғамбарро боздорад.

Ленскӣ мегӯяд:

*Билъом намунаи тарсовари «пайғамбар» аст, ки Худо ба вай гуфт, чиро бояд накунад, ва Худо дар роҳ ба сӯи гуноҳ монеаҳо ба амал меовард, ва ҳатто ба модахари безабон имкон дод бо вай сухан гӯяд, аммо вай ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ба он чи аз беадолатӣ ба даст овардан мумкин аст, муҳаббати ниҳонӣ дошт, ва аз ҳамин сабаб ҳалок шуд.*[20]

Имрӯзҳо Худо ба муаллимони дурӯғин ба воситаи ҳайвонҳои безабон муроҷиат намекунад. Аммо метавон тахмин кард, ки Ӯ бисёр вақт дигар воситаҳоро ба кор мебарад, то онҳоро дар девонагӣ ва аблаҳӣ фош карда, ба роҳи ҳақиқӣ, ки Масеҳ аст, равона созад. Худо бисёр вақт шаҳодати одии имондори одиро ба кор мебарад, то ин одамонеро, ки аз донишҳои аъло ва мартабаашон дар ҷамоат фахр мекунанд, хиҷил намояд. Ба ояти Навиштаи Муқаддас ишора намуда ё саволҳои нешдор дода, шахси «омӣ», ки аз Рӯҳулқудс пур шудааст, метавонад Билъоми ҳозиразамонро маҷбур кунад, ки аз шармсорӣ ва хашм ба худ печад.

**2,17** Петрус муаллимони дурӯғинро ба *чашмаҳои беоб* монанд мекунад. Муҳтоҷон назди онҳо мераванд, то ташнагии рӯҳонии худро рафъ кунанд, аммо ноумед шуда бармегарданд. Онҳо ба чоҳҳои *беоб* монанданд. Онҳо ҳамчунин ба *абрҳое* монанданд, ки *бо тундбод ронда мешаванд.* Абрҳо ба замине ки аз беобии бардавом азият мекашад, борон ваъда мекунанд. Аммо сипас тундбод вазида, абрҳоро дур мекунад. Умедҳо шикастаанд; лабони хушкшуда намӣ дарёфт накардаанд.

Барои чунин қаллобони динӣ *тирагии торикии абадӣ* муҳайё шудааст. Намуди ходимони Хушхабарро гирифта, онҳо дар асл ҳеҷ чизи ба Хушхабар вобастаро пешкаш карда наметавонанд. Одамон назди онҳо барои нон мераванд, аммо санг мегиранд. Ҷазо барои чунин фиреб – дар *тирагии торикӣ* гузарондани абадият[21] мебошад.

**2,18** Онҳо *суханони беҳудаи дабдабаноке* мегӯянд, ё, чунон ки Кнокс тарҷума кардааст, «иборахои зебоеро, ки ҳеҷ маъное надоранд», истифода мекунанд. Ин тасвири аниқи суханони бисёр воизони либералӣ ва роҳбарони мазҳабҳои дурӯғин мебошад. Онҳо нотиқони касбӣ мебошанд, ки бо хушбаёнии худ шунавандагонро мафтун мекунанд. Захираи бойи луғавии онҳо одамони бефаросатро ҷалб

мекунад. Он чиро, ки ба мавъизаҳояшон аз ҷиҳати мазмун намерасад, онҳо бо тарзи баёни раднопазир, боваринок пурра мекунанд. Аммо вақте ки онҳо суханрониро бас мекунанд, маълум мегардад, ки онҳо чизе нагуфтаанд. Чун намунаи ин гуна мавъизаи бесамар иқтибосеро аз илоҳиётшиноси маъруфи замони мо меорем:

*Ин ҷо гап на дар бораи муносибатҳои баробарӣ ё нобаробарӣ меравад, балки дар бораи монандӣ. Ин он чизест, ки мо фикр мекунем ва он чи ҳамчун дониши ҳақиқии Худо ифода мекунем, агарчи аз рӯи имон мо ҳанӯз медонем ва дар ёд дорем, ки ҳамаи он чи мо чун «монандӣ» медонем, бо монандие ки ин ҷо пешниҳод карда мешавад, айният надорад. Аммо ба ҳар ҳол мо медонем ва дар ёд дорем – боз ҳам аз рӯи имон, – ки монандии дар ин ҷо пешниҳодшуда қодир аст дар он чизе акс ёбад, ки мо чун монандӣ медонем ва чунин меномем, то ки дар фикррониӣ ва гуфтугӯямон монандӣ ба монандие ки дар ваҳйи ҳақиқии Худо муқаррар карда мешавад (ки худ аз худ вай ба он монандӣ надорад) монанд шавад; ва ҳангоме ки мо муносибатҳоро чун яке аз монандиҳо тасвир мекунем, на нодуруст, балки дуруст фикр мекунем ва сухан меронем.*

Стратегияи ин муаллимони дурӯғин дар он аст, ки ба ҳама гуна ҳавасҳо ва майлҳо озодии номаҳдуд ваъда карда, одамонро *ба дом дароваранд*. Онҳо таълим медиҳанд, ки ҳавасҳо ба мо аз Худо дода шудаанд, бинобар ин онҳоро маҳдуд кардан мумкин нест. Онҳо мегӯянд, ки ҳавасҳоро боздошта, одамон ба фардияти худ зарари ҷиддӣ мерасонанд. Онҳо то оиладорӣ муносибатҳои ҷинсӣ доштанро сафед мекунанд ва асосҳои ахлоқии оиларо вайрон менамоянд.

*Онҳое ки навакак аз гумроҳон халос шудаанд*[22], қурбониҳои инҳо мешаванд. Ин одамони наҷотнаёфта пештар ба ҳаловатҳои гуноҳолуди худ тағофул менамуданд, аммо баъд ақидаҳои онҳо дигар шуданд. Онҳо қарор доданд, ки дигар шаванд, саҳифаи навро сар кунанд ва ба ҷамоат раванд. Ба ҷои ҷамоате ки таълимоти Навиштаи Муқаддасро пайравӣ мекунад, онҳо ба хизматгузориҳое меафтанд, ки дар он яке аз ҳамин гуна шубанони дурӯғин ҳукм меронад. Ба ҷои Хушхабар оиди наҷот ба воситаи имон ба Масеҳ онҳо оиди тағофул ба гуноҳ ва бебанду борӣ мешунаванд. Ин барои онҳо нисбатан ғайричашмдошт аст; онҳо ҳамеша фикр мекарданд, ки гуноҳ бад аст, ва ҷамоат зидди гуноҳ аст. Акнун онҳо мефаҳманд, ки дин гуноҳро маъқул медонад!

**2,19** Ходимон-муртадон оиди озодӣ бисёр сухан меронанд, ва озодӣ аз ҳукми Худо ва озодӣ барои гуноҳ карданро дар назар доранд. Амалан ин на *озодӣ*, балки шакли бадтарини *ғуломӣ* мебошад. Онҳо худ *ғуломони фасод* ҳастанд. Онҳо бо занҷирҳои ҳавасҳо ва одатҳои бад баста буда, қуввати ба озодӣ баромадан надоранд.

**2,20** Оятҳои 20-22 на ба муаллимони дурӯғин, балки ба қурбониёни онҳо муроҷиат мекунанд. Ин одамон рӯ ба беҳбудӣ оварданд, аммо аз олами боло зода нашуда буданд. Ба воситаи қисман *шинохтани Масеҳ* ва принсипҳои масеҳият онҳо ҳаёти гуноҳолудро тарк карда, ахлоқан пок шуданро сар карданд.

Аммо баъд онҳо зери таъсири муаллимони дурӯғин афтоданд, ки покдоманиро масхара карда, барои озодӣ аз монеаҳои ахлоқӣ юриши салибӣ мекунанд. Дар натиҷа онҳо аз нав ба гуноҳҳое ки муваққатан тарк карда буданд, ҷалб мешаванд. Дар асл онҳо ба гуноҳҳо беш аз пеш меғӯтанд, зеро акнун, ки маҳдудиятҳои динӣ фурӯ ғалтидаанд, ҳеҷ чиз онҳоро нигоҳ дошта наметавонад. Бинобар ин ҳақиқат аст, ки *анҷоми* онҳо *бадтар аз* аввалашон мешавад.

**2,21** Одам ҳар қадар имтиёзҳои зиёд дошта бошад, масъулияташ ҳамон қадар баландтар аст. Одам ҳар қадар оиди меъёрҳои масеҳиёна донад, ҳамон қадар бештар бояд ба онҳо мувофиқат кунад. *Барои онҳо надонистани* фармонҳои поки Худо *беҳтар мебуд аз он ки баъд аз донистани он* ба расвоиҳои ҷаҳон баргарданд.

**2,22** Ин одамон мувофиқи *зарбулмасали дуруст* оиди саге ки *ба қайи* нафратовари *худ бармегардад* (ниг. Мас. 26,11), ва хуки шусташуда, *ки* рафта *дар лой ғел* мезанад, рафтор мекунанд. Он чиз рамзист, ки Петрус барои бо мисол фаҳмондан *саг* ва *хукро* истифода мебарад. Мувофиқи шариати Мусо саг ва хук ҳайвонҳои нопок буданд. Дар зарбулмасал чизе дар бораи он гуфта намешавад, ки дар хислати онҳо ягон дигаргуние ба амал омадааст. Онҳо пеш озодшавӣ аз *қай* ва *лой* нопок буданд, ва ба ҳамон ҷо баргашта, боз ҳам нопок буданд.

Бо одамоне ки Петрус дар бораи онҳо навишта буд, низ ҳамон чиз рӯй медиҳад. Онҳо

ахлоқан нав шуданд, аммо аммо табиати навро ба даст наоварданд. Агар бо забони Матто 12,43-45 гӯем, хонаи онҳо холӣ, ҷорӯбзада ва ороста буд, аммо онҳо Наҷотдиҳандаро даъват накарданд, ки дар он сокин шавад. Рӯҳи нопок, ки аз он ҷо баромада буд, рафта, ҳафт рӯҳи дигарро, ки аз худаш бадтар аст, ёфт, ва онҳо хонаи холиро ишғол карданд. Ҳолати охирини хона аз аввалааш бадтар аст.

Ин ҷойро барои тасдиқи таълимот оиди он ки имондорон аз файз дур гашта, ҳалок шуда метавонанд, набояд ба кор бурд. Ин одамон ҳеҷ гоҳ имондорони ҳақиқӣ набуданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ табиати навро ба даст наоварда буданд. Бо ҳолати охирини худ онҳо нишон медиҳанд, ки табиаташон ҳанӯз нопок ва бадкирдор аст. Албатта, ин ҷо дарси ибрат дар он аст, ки дигаргунӣ на танҳо кофӣ нест, балки он, бешубҳа, хатарнок аст, чунки он метавонад ба одам бехатарии бардурӯғро талқин кунад. Одам табиати навро танҳо он вақт гирифта метавонад, ки аз олами боло зода шавад. Вай дар назди Худо тавба карда ва ба Худованди мо Исои Масеҳ имон оварда, аз олами боло зода мешавад.

## IV. ПЕШГӮӢ ОИДИ ПАЙДО ШУДАНИ ИСТЕҲЗОКУНАНДАГОН (Б. 3)

**3,1** Аз муҳокимаронӣ оиди муаллимони дурӯғин дар боби 2 Петрус акнун ба мавзуи дар рӯзҳои охир пайдо шудани истеҳзокунандагони беҳаё мегузарад. Дар ин Нома, чун дар номаи аввал, вай пеш аз ҳама аз хонандагонаш хоҳиш мекунад, ки ба Навиштаи Муқаддас содиқ монанд.

**3,2** Онҳо бояд пешгӯиҳои *пайғамбарони муқаддасро,* ки дар Аҳди Қадим гуфта шудааст, дар ёд доранд; онҳо бояд таълимоти *Худовандро,* ки ба воситаи *расулон* дода шудааст, дар ёд доранд; он дар китоби Инҷил нигоҳдорӣ шудааст. Навиштаи Муқаддас дар айёми муртадӣ ягона кафили ҳақиқист.

**3,3** Шаҳодати умумии пайғамбарон ва расулон огоҳ мекард, ки *дар охири айём масхаракунандагоне пайдо мешаванд, ки аз рӯи ҳавасҳои худ рафтор* менамоянд. Масеҳиён бояд инро дар ёд доранд. Инкори худписандона ва куфронаи ин одамон набояд онҳоро ошуфта кунанд. Масеҳиён бояд дар онҳо нишонаи аниқи наздик шудани охири замонро бинанд.

Ин тамасхуркунандагон *аз рӯи ҳавасҳои худ рафтор мекунанд.* Донишро оиди Худо рад карда, онҳо бе ҳеҷ ҳаросе ба ҳавасҳои худ тағофул мекунанд. Онҳо бебанду бориро ҳимоя намуда, ҳама гуна маҳкумкуниро сарфи назар мекунанд.

**3,4** Пеш аз ҳама онҳо бар омадани Масеҳ истеҳзо мекунанд. Мавқеи онҳо: *«Куҷост ваъдаи омадани Ӯ?»* чунин маъно дорад: «Куҷост иҷрошавии ваъда?». Аммо *омадани Ӯ* гуфта онҳо чиро дар назар доранд?

Оё онҳо омадани Масеҳро барои муқаддасонаш, ки зинда ба осмон гирифта мешаванд, дар назар доранд (1Тас. 4,13-18)? Шубҳаовар аст, ки ин тамасхуркунандагони беҳаё оиди ин омадани якуми Худованд чизе медониста бошанд.

Оё онҳо омадани Масеҳро бо муқаддасонаш барои барпо намудани Подшоҳии умумиҷаҳонӣ (1Тас. 3,13) дар назар доранд? Шояд ин ба фикрронииҳои онҳо дохил шуда метавонист.

Аммо аз қисми боқимондаи оят аён мегардад, ки онҳо оиди доварии ниҳоии Худо бар замин ё он чи одатан ба охир расидани дунё меноманд, чӣ фикр доранд. Онҳо оиди дар охири Подшоҳии ҳазорсола бо оташ нобуд шудани осмону замин фикр мекунанд.

Дар асл онҳо мегӯянд: «Шумо, масеҳиён, оиди доварии даҳшатовар бар олам огоҳӣ дода, ба мо таҳдид менамоед. Шумо мегӯед, ки Худо мехоҳад ба таърих дахолат кунад, бадиро ҷазо диҳад ва заминро нобуд намояд. Ҳамаи ин сафсата аст. Мо ҳеҷ ҷои тарс надорем. Мо мувофиқи хости худ зиста метавонем. Ҳеҷ далеле нест, ки Худо ягон бор ба таърих дахолат карда бошад; чаро мо бояд бовар кунем, ки Ӯ ягон вақт ин тавр мекарда бошад?»

Хулосаи онҳо бар фаразияи сабукфикрона асос ёфтааст: *«Зеро аз замоне ки падарон вафот кардаанд, ҳама чиз ончунон ки аз аввали офариниш буд, боқӣ мондааст».* Онҳо мегӯянд, ки табиат доимо ба қонунҳои тағйирнаёбанда тобеъ аст, ва ҳеҷ гуна дахолати фавқуттабиӣ нест, ва ҳама чиз маънидоди табиӣ дорад.

Онҳо ба қонуни ҳамонандӣ ё униформизм боварӣ доранд. Ин қонун мегӯяд, ки дар гузашта худи ҳамон қонунҳо ва бо худи ҳамон

шиддатнокие ки ҳозир ҳаст, амал мекарданд, ва донистани ин равандҳо барои маънидоди ҳамаи дигаргуниҳои воқеъшуда кофист.

Байни қонуни униформизм ва назарияҳои маъмулии эволютсия алоқаи ҳаётан муҳим ҳаст. Назарияи инкишофи эволютсионии организмҳои зинда аз намудҳои содатар ба мураккаб бар фаразияе асос ёфтааст, ки мувофиқи он бояд шароити зист нисбатан якхела бошад. Агар замин ба тағйиротҳои ногаҳонӣ ва фалокатҳо дучор шуда бошад, пас баъзе тахминҳои Дарвин оиди эволютсия ғалатанд.

**3,5** Тамасхуркунандагони беҳаё дидаву дониста як фактро сарфи назар мекунанд – туфонро. Худо аллакай боре ба корҳои одамон дахолат кард, ва мақсади дахолат пурра муайян буд – ҷазо додани бадӣ. Агар ин як бор рӯй дода бошад, бори дигар ҳам воқеъ шуда метавонад.

Ин одамон барои бехабарии барқасд сазовори айбдоркунӣ мебошанд. Онҳо бо ҳамадонии худ фахр мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки муҳокимарониҳояшон холисона аст. Онҳо худситоӣ мекунанд, ки принсипҳои таҳқиқи илмиро қатъиян пайравӣ менамоянд. Аммо гап дар он аст, ки онҳо дидаву дониста факти таърихиро – туфонро сарфи назар мекунанд. Онҳо бояд курси геологияро гузаранд!

Чунки онҳо дидаву дониста фаромӯш мекунанд, ки *дар ибтидо бо каломи Худо осмон ва замин аз об ва ба воситаи об таркиб ёфта буданд* ... ва онҳо ҳалок шуданд. *Осмон ва замин бо каломи Худо* офарида шуда буданд. Ӯ гуфт ва онҳо ба вуҷуд омаданд (Ибр. 11,3). Петрус мегӯяд, ки *замин аз об ва ба воситаи об* таркиб ёфта буд. Мо медонем, ки дар ин гуфтаҳо чунон амиқие ниҳон аст, ки мо пурра фаҳмида наметавонем. Аз Ҳастӣ 1,2 мо медонем ки замоне рӯи заминро об фаро гирифта буд. Сипас дар ояти 6 мо мехонем, ки Худо осмонро, ё фазоро офарид, ки оби заминро аз туман ё абрҳои болои замин ҷудо мекард. Аз ин ҷо мо тахмин карда метавонем, ки заминро тумани ғафс печонида буд, ки дар он ҳаёт буда наметавонист. Осмон атмосфераи покро таъмин намуд, ки дар он мо нафас кашида метавонем. Дар Ҳастӣ 1,9 гуфта шудааст, ки қитъаҳо аз укёнусҳо ҷудо карда шуданд; ин факт, шояд, дар чунин суханон зикр шудааст: *«Осмон ва замин аз об ... таркиб ёфт»* (ниг. ҳамчунин Заб. 23,2).

Маънои илмии гуфтаҳои Петрус ҳар гунае ки бошад, мо аниқ медонем, ки Замин сайёраи серобест, ки бо абрҳо пӯшонда шудааст: аз чор се ҳиссаи рӯи заминро укёнус ишғол менамояд ва қисми зиёди он бо абрҳо пӯшонда шудааст. Он қадаре ки ба мо маълум аст, Замин ягона сайёраи обист, бинобар ин ҳаёти одамӣ фақат дар он буда метавонад.

**3,6** Замин аз ибтидо барои нобудкунии худ бо воситае ҷиҳозонида шуда буд. Об чуқуриҳои зери заминро пур мекард, ва об дар баҳрҳо ва дар абрҳо бар болои замин буд. Ва ҳангоме ки Худо ҳамаи чашмаҳои вартаи азимро шикофт, ва равзанҳои осмонро кушод (Ҳас. 7,11), заминро об фаро гирифт ва тамоми ҳаёт берун аз киштӣ нобуд карда шуд.

Мунаққидон ин факти таърихиро дидаву дониста сарфи назар мекунанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар солҳои охир туфон мавриди ҳуҷумҳои сахт қарор гирифтааст. Аммо навиштаҳо оиди туфон дар рӯи санг, дар ривоятҳои халқҳои кадимӣ ва ҳозира ва бештар аз ҳама – дар Каломи поки Худо боқӣ мондааст.

**3,7** Худо заминро офарида, дар рӯи он миқдори кофии обро барои нобуд кардани он ҷой дод. Айнан ҳамин тавр Ӯ дар *осмон ва замин оташи* кофиро барои нобуд кардани онҳо ҷойгир намуд.

Дар асри ҳастаӣ (ядроӣ) мо мефаҳмем, ки материя аз энергияи ҷамъшуда иборат аст. Таҷзияи ҳастаи (ядрои) атом боиси озодшавии оташини миқдори азими энергия мешавад. Ҳамин тариқ, тамоми материяи олам як иқтидори азими тарканда аст. Дар замони ҳозира онро Худованд бозмедорад (Кул. 1,17: «ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад»). Агар Ӯ дасти боздорандаи Худро сар медод, унсурҳои табиат об мешуданд. Дар айни ҳол *осмон ва замини ҳозира ... барои оташ нигоҳ дошта шудаанд ва то рӯзи доварӣ ва ҳалокати мардуми худонотарс саришта карда мешаванд.*

**3,8** Пас чаро Худо доовариро мавқуф мегузорад? Пеш аз ҳама мо бояд дар ёд дорем, ки Худо ҷовидон аст. Ӯ бар хилофи мо дар миқёси замонӣ зиндагӣ намекунад. Барои мо вақт бо ҳолати Замин нисбати Офтоб муайян карда мешавад. Аммо Худо бо ин муносибатҳо маҳдуд нест.

*Дар назари Худованд як рӯз мисли ҳазор сол аст, ва ҳазор сол мисли як рӯз.* Ӯ рӯзро то ҳазор сол васеъ карда ва ё ҳазор солро то як

рӯз фишурда метавонад. Ӯ амалҳои Худро паҳн карда ва марказонида метавонад.

**3,9** Худо ба воситаи доварӣ анҷом додани таърихи одамони бехудоро ваъда дод. Агар ба мо чунин метобад, ки Худо таъхир мекунад, пас на аз боиси он ки ба *ваъдаи* Худ хилоф намудааст, балки барои он ки Ӯ пурсабр аст. Ӯ намехоҳад ки *касе нобуд шавад*. Орзуи Ӯ аст, ки *ҳама ба тавба рӯ оваранд*. *Ӯ* дидаву дониста замони файзро тул мекашонад, то одамон имкони наҷот ёфтан дошта бошанд.

Дар Ишаъё 61,2 мо оиди *соли* таваҷҷуҳи Худованд ва *рӯзи* интиқоми Ӯ мехонем. Ин маънои онро дорад, ки раҳмдилӣ зоҳир кардан ба Ӯ маъқул аст, доварӣ бошад барои Ӯ кори ғариб аст (Иш. 28,21). Шояд ин ҳамчунин ба он ишора мекунад, ки Ӯ пурсабрии Худро то ҳазор сол тул кашонда ва доварии Худро то як рӯз кӯтоҳ карда метавонад.

Ӯ пеш аз он ки ба замин туфонро фиристад, 120 сол интизор шуд. Ӯ якчанд ҳазор сол интизор аст, пеш аз он ки ҷаҳонро бо оташ нобуд кунад.

**3,10** *Валекин рӯзи Худованд меояд. Рӯзи Худованд* ба ҳар як давраи ба амал омадани доварии Худо дахл дорад. Дар Аҳди Қадим ин калимаҳо барои тасвири замоне ба кор бурда мешуданд, ки Худо бадкирдоронро ҷазо медод ва душманони Худро шармсор менамуд (Иш. 2,12; 13,6.9; Ҳиз.. 13,5; 30,3; Юил 1,15; 2,1.11.31; 3,14; Ом. 5,18.20; Уб. 15; Саф. 1,7.14; Зак. 14,1; Мал. 4,5). Дар Аҳди Нав ин давраест, ки якчанд марҳала дорад:

1. Рӯзи Худованд ба Мусибати Бузург, давраи ҳафтсола, дахл дорад, ки он вақт Худо Исроили беимонро доварӣ хоҳад кард (1Тас. 5,2; 2Тас. 2,2).
2. Он бозгаштани Ӯро ба замин барои интиқом аз онҳое ки Худоро намедонанд ва ба Хушхабари Худованд Исо итоат намекунанд, дар бар мегирад (2Тас. 1,7-10).
3. Он барои ифодаи Подшоҳии ҳазорсола истифода мешавад, ки он вақт Масеҳ бо чӯбдасти оҳанин ҳукм хоҳад ронд (Аъм. 2,20).
4. Он ба вайроншавии хотимавии осмону замин бо оташ дахл дорад. Ин ҷо, дар боби 3, маҳз ҳамин маъно дар назар дошта шудааст.

Он *чунон ки дузд дар шаб,* яъне ногаҳон ва ҳалокатовар, хоҳад омад. *Осмон бо ғулғулае хоҳад даргузашт.* Ин ҷо, албатта, атмосфераи осмон ва, шояд, осмони ситоразор дар назар дошта шудааст, аммо на осмони сеюм – ҷои сукунати Худо. Азбаски он бо таркиши ғулғуладор дармегузарад, *унсурҳо оташ гирифта,* аз ҳам ҷудо мешаванд. Унсурҳо ин ҷо ҳиссачаҳои элементарии материяро дар назар дорад. Дар оташи умумиҷаҳонии ҳастаӣ (ядроӣ) тамоми материя вайрон карда мешавад.

*Замин ва тамоми корҳое ки дар он ҳастанд, месӯзанд.*[23] На танҳо самарҳои олами зинда, балки тамоми тамаддун сӯзонда мешавад.

Пойтахтҳои бузурги ҷаҳон, биноҳои азим, асарҳои беназири илмӣ – ҳама чиз пурра нобуд карда мешавад.

**3,11** Акнун Петрус аз тамасхуркунандагони беҳаё ба муқаддасон баргашта, боз ухдадориеро, ки бар онҳо вогузор шудааст, ёдрас мекунад. *Агар ҳамаи инҳо чунин нобуд мешуда бошанд, пас шумо дар рафтори муқаддасона ва парҳезгорӣ чӣ гуна бояд бошед.* Ҳама чизи моддӣ дар худ муҳри фаромӯширо дорад. Чизе ки одамон бо он фахр мекунанд ва барои он зиндагӣ мекунанд, дар ҳолати беҳтарин фонист. Барои чизи моддӣ зистан – яъне барои чизи муваққатӣ зистан аст. Ақли солим ба мо талқин мекунад, ки карруфарри зоҳирӣ ва дилхушиҳоро рад карда, дар покӣ ва *парҳезгорӣ* зиндагӣ кунем. Гап дар он аст, ки на барои вақт, балки барои абадият зиндагӣ кунем, на дар моддӣ, балки ба рӯҳонӣ ҷалб карда шавем, на гузаранда, балки доимиро интихоб кунем.

**3,12** Ҳамчунин имондорон бояд интизоршаванда бошанд. Онҳо бояд интизор буда, *омадани рӯзи Худоро* самимона орзу кунанд. Калимаҳои *омадани рӯзи Худоро «орзу доред ва мешитобонед»-ро* (дар тарҷумаи нав: *«сӯи он мешитобед»*) баъзеҳо барои тасдиқи таълимоте ба кор мебаранд, ки гӯё мо бо ҳаёти вафодорона ва хизмати сустнашаванда омадани Худовандро шитобонида метавониста бошем. Аммо ин таълимот ду душворӣ дорад. Аввалан, рӯзи Худо – омадани Худованд нест. Сониян, ҳатто агар ҳамин тавр ҳам мебуд, имкони бо саъю кӯшиши халқи Ӯ тағйир додани вақти омадани Масеҳ хеле шубҳаовар аст.

*Рӯзи Худо* ба абадият дахл дорад. Он аз пайи марҳалаи хотимавии рӯзи Худованд меояд, ҳангоме ки осмону замин вайрон карда мешаванд. *Рӯзи Худо* – рӯзи тантанаи пурра,

ниҳоии Ӯст. Маҳз барои ҳамин мо бояд самимона интизори ин рӯз бошем.

Петрус оиди *рӯзи Худо,* «ки дар он» намегӯяд, балки *«аз боиси он*[24] *осмон аланга гирифта несту нобуд мешавад, ва унсурҳо оташ гирифта, мегудозанд». Рӯзи Худо* на он вақтест, ки вайроншавии ниҳоӣ воқеъ мешавад. Баръакс, довариии ниҳоӣ бояд пеш аз фаро расидани рӯзи Худо ба амал ояд.

**3,13** Дар ояти 12 ба имондорон бо исрор маслиҳат дода мешавад, ки рӯзи Худоро интизор шаванд. Ин ҷо онҳо чун мунтазирони *осмони нав ва замини нав, ки дар онҳо адолат сокин хоҳад буд,* тасвир мешаванд. Ин суханон тасаввуротро дар бораи рӯзи Худо чун абадият, ки дар он *осмони нав ва замини нав* хоҳад буд, тасдиқ мекунанд.

Дар Ишаъё 65,17 ва 66,22 калимаҳои *«осмони нав ва замини нав»* барои тасвири Подшоҳии ҳазорсола ва низ абадият истифода мешаванд. Мо медонем, ки ин ҷойҳо давраи ҳазорсоларо дар бар мегиранд, зеро дар он гуноҳ хоҳад буд (65,20) ва кӯдакон зода хоҳанд шуд (65,23). Петрус ин суханонро фақат ба абадият мансуб медорад, ҳангоме ки осмону замин аз байн мераванд.

Петрус оиди *росткорӣ* мегӯяд, ки дар *осмону замини нав* сокин аст. Дар замони ҳозира файз ба воситаи росткорӣ ҳукмрон шудааст (Рум. 5,21). Дар Подшоҳии ҳазорсола росткорӣ ҳукмронӣ хоҳад кард (Иш. 32,1); дар абадият росткорӣ *сокин мешавад.* Дар подшоҳии заминӣ Масеҳ бо чӯбдасти оҳанин росткориро ҷорӣ намуда, ҳукмронӣ хоҳад кард. Маҳз ба ҳамин маъно росткорӣ ҳукмронӣ хоҳад кард. Аммо дар абадият ба чӯбдасти оҳанин эҳтиёҷе нахоҳад буд. *Росткорӣ* дар хонаи худ сокин хоҳад буд. Ҳеҷ гуноҳе наметавонад дохил шуда, осоиш ва зебоии ин манзараро вайрон кунад.

**3,14** Ҳақиқат оиди осмони нав ва замини нав бояд хоҳиши *дар назди Ӯ* пок зистани моро тақвият диҳад. Ва ин на танҳо ҳақиқатест, ки мо бояд ба он пайравӣ кунем, балки он ҳамчунин моро нигоҳ хоҳад дошт. Донистани он ки ба наздикӣ пеши Худо ҳозир хоҳем шуд, бояд дар мо хоҳиши *бенуқс ва беайб* буданро, яъне ахлоқан пок буданро бедор кунад. Он бояд моро водор кунад, ки на дар мубориза, балки дар ҳолати *осоиш* бошем.

**3,15** *Ва пурсабрии Худованди моро наҷот ҳисоб кунед.* Довариро мавқуф гузошта, Ӯ ба одамон имконияти пурраи ба даст овардани наҷотро медиҳад. Бадкирдории афзояндаи одамонро мушоҳида намуда, мо аксаран мепурсем, ки Худованд ба ҳамаи ин чӣ гуна бардошт карда метавонад. Пурсабрии Ӯ ҳайратовар аст. Аммо он бесабаб нест. Ӯ ҳалок шудани гуноҳкоронро намехоҳад. Ӯ мехоҳад, ки одамон аз роҳҳои бади худ баргарданд ва наҷотро ба даст оваранд.

*Чунон ки бародари азизи мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ дода шудааст, ба шумо навиштааст.* Дар ин ишора ба *Павлус* якчанд лаҳзаҳои шавқовар ҳастанд:

1. Пеш аз ҳама, Петрус Павлусро *бародари азизи мо* мегӯяд, агарчи дар Антокия Павлус Петрусро назди ҳама дар амалҳои ғайрисамимӣ сарзаниш намуда буд (Ғал. 2,11-21). Аз афташ, Петрус сарзанишро фурӯтанона қабул намуд. Мо низ бояд танқиди дурустро қабул кардан ва дар дил кина нагирифтанро ёд гирем.
2. Петрус тасдиқ кард, ки ба Павлус барои навиштани номаҳо *ҳикмати* илоҳӣ *ато шудааст.* Ин ишораи аниқест ба он ки Петрус мактубҳои Павлусро дорои илҳоми илоҳӣ мешумурд.
3. Аз афташ, хонандагони Петрус бо як ё якчанд номаҳои Павлус шинос буданд. Ин чунин маъно дошта метавонад, ки номаҳо бевосита ба онҳо фиристода шуда буданд ё дар он вилоят паҳн карда мешуданд.

Кадоме аз номаҳои Павлус мегӯяд, ки *пурсабрии Худованди мо ... наҷот* аст? Дар Румиён 2,4 мехонем: «Ё ки ту ба фаровонии меҳрубонӣ, ҳалимӣ ва пурсабрии Ӯ беэътиноӣ мекунӣ, бехабар аз он ки меҳрубонии Худо туро ба роҳи тавба ҳидоят менамояд?»

**3,16** *Дар ҳамаи номаҳои худ* Павлус оиди чунин ҳақиқатҳои бузурге мегуфт, ки Петрус дар дар ду номаи худ дахл карда буд: зодашавии нав, Худо будани Масеҳ, ҳаёти бегуноҳи Ӯ, марги Ӯ барои гуноҳҳои одамон, растохези Ӯ, ба осмон рафтан ва омадани дуюми Ӯ, Рӯзи Худованд ва абадият.

Дар ҳақиқатҳои Китоби Муқаддас, аз ҷумла дар Ваҳдати Сегона, интихоби пешакӣ ва иродаи озоди одам ва ғайра *баъзе чизҳо душворфаҳм* аст. Агар мо дар Китоби Муқаддас масъалаҳоеро пайдо кунем, ки аз фаҳмиши мо болотаранд, набояд ба изтироб афтем. Каломи

Худо беохир ва таҳқиқаш тамомнашаванда аст. Ҳангоми омӯхтани он мо бояд ҳамеша ба Худо боварӣ кунем, ки Ӯ донандаи ҳамаи он чизест, ки мо ҳеҷ гоҳ то охир фаҳмида наметавонем.

Оиди *чизи душворфаҳм* сухан ронда, Петрус номаҳои Павлусро танқид намекунад. На услуби Павлус, балки мавзуъҳое ки вай дахл мекунад, душворфаҳм мебошанд. Барнс менависад: «*Петрус на дар бораи душворфаҳмии он чизе сухан меронад, ки Павлус дар назар дорад, балки оиди душворӣи фаҳмидани чунин ҳақиқатҳои бузурге ки вай таълим медод*».[25]

Ба ҷои бо имон қабул кардани ҳақиқатҳои душворфаҳм *нодонон ва ноустуворон* онҳоро *ғалат маънидод мекунанд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад.* Масалан, баъзе мазҳабҳо шариатро, ки воситаи фош кардани гуноҳ аст, ба роҳи наҷот табдил медиҳанд. Дигарон ғӯтаро дари даромадан ба осмон мекунанд. Онҳо на танҳо бо асарҳои Павлус, балки бо Навиштаҳои дигар низ чунин рафтор мекунанд.

Аҳамият диҳед, ки Петрус номаҳои Павлусро аз ҷиҳати эътиборнокӣ бо *Навиштаҳои дигар,* яъне бо Аҳди Қадим ва ҳамаи қисмҳои Инҷил, ки он вақт дастрас буданд, дар як сатҳ мегузорад. Вай эътироф менамояд, ки номаҳои Павлус қисми Навиштаи Муқаддаси дорои илҳоми илоҳӣ мебошанд.

**3,17** Аз имондорон талаб карда мешавад, ки доимо ҳушёр бошанд, то ба *гумроҳӣ* гирифтор нашаванд. Ҳамеша муаллимони дурӯғин хоҳанд буд, ки ҳақиқатро дигаргун намуда, ба он тақлид мекунанд, ва инро дониста, мо бояд ҳамеша ба набард омода бошем. Шахсе ки омода ва бохабар нест, метавонад бо осонӣ гирифтори *гумроҳии бадкирдорон* гашта, аз мувозинати рӯҳонӣ маҳрум шавад.

**3,18** Петрус бори дигар ёдрас мекунад, ки рушди муттасил дар ҳаёти рӯҳонӣ ҳимояи дилпуронаест аз муаллимони дурӯғин. Дар ду самт рушд намудан лозим аст – *дар файз ва шинохтан. Файз* дар амал зоҳир шудани самари Рӯҳ аст. Дар *файз* рушд намудан афзудани донишҳои зеҳнӣ ё фаъолияти беист нест; ин монандшавии афзоянда бо Худованд Исо мебошад. *Шинохтан* шиносоии наздик бо Худованд ба воситаи Калом аст. Дар *шинохтан* рушд намудан омӯзиши афзояндаи суханон, рафторҳо ва роҳҳои Масеҳ ва итоат ба онҳост.

Аммо Петрус Номаи худро бо насиҳат ба муқаддасон анҷом дода наметавонад. Нуқтаи авҷ бояд *ҷалол* додани Наҷотдиҳанда бошад. Бинобар ин мо ин ҷо суханони олидараҷаи парастишро пайдо мекунем: «*Ӯро аз ҳозир то рӯзи абадият ҷалол бод. Омин*». Дар ниҳояти кор мақсади асосии мавҷудияти мо ҷалол додани Ӯст. Бинобар ин маҳз ин суханони хотимавӣ ин ҷо хеле бамаврид мебошанд.

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) E. G. Homrighausen. *The Second Epistle of Peter, Exposition, IB,* ҷ. XII, 1957, саҳ. 166.
2. (1,5) Аз мавъизаи Том Олсон, дӯсти муаллиф.
3. (1,5) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of the Epistles of St. Peter, St. John and St. Jude,* саҳ. 266.
4. (1,5) Ин воқеаи маълумест, ки бисёр истифода мешавад. Ниг., масалан, S. M. Houghton, *Sketches from Church History,* саҳ. 114-116.
5. (1,6) Зикри тарҷумон: дар нусхаи тоҷикӣ «порсоӣ».
6. (1,6) Robert G. Lee, *Seven Swords and Other Messages,* саҳ. 46.
7. (1,16) Ҳодисаи барои як маъно истифода шудани ду калима (масалан, «несту нобуд кардан», ки маъноям «тамоман нобуд кардан» аст), «ҳендиадис» номида мешавад (аз юн. «як ба воситаи ду»). Китоби Муқаддас ин тарзи баёнро бисёр ба кор мебарад, чунончи дар ҳолати додашуда, бинобар ин фарқ карда тавонистани он хуб мебуд.
8. (1,16) John A. T. Robinson, *Honest to God,* саҳ. 32,33.
9. (1,18) Мувофиқи ривояти румӣ-католикӣ ҷои Дигаргуншавӣ кӯҳи Тобӯр аст, ва дар он ҳақиқатан муқаддасот ҳастанд. Таърихан ин ривоят дуруст нест, чунки Тобӯр кӯҳи баланд нест, аммо Инҷил мегӯяд, ки он «бениҳоят баланд буд». Илова бар ин дар замони Худованди мо дар кӯҳи Тобӯр, аз афташ, қароргоҳи гарнизони румӣ буд – манзараи баде барои ваҳйи ниҳонӣ! Кӯҳи Ҳермӯн бештар имконпазир ҳисобида мешавад – кӯҳи баланди қуллааш барфпӯш, ки дар шимоли Ҷалил воқеъ аст.
10. (1,20) Калимаи юнонии «эпилузис»-ро ҳам «асл, пайдоиш» ва ҳам «тафсир» тарҷума кардан мумкин аст.
11. (1,20) Dinsdale T. Young, *The Unveiled Evangel,* саҳ. 13-14.
12. (1,21) Дар матни интиқодии юнонӣ (НА) мехонем: «аммо одамон аз Худо сухан гуфтаанд».
13. (2,1) Wallie Amos Criswell, *The Evangel,* November 1949, саҳ. 1.
14. (2,1) Nels Ferre, *The Sun and the Umbrella,* саҳ. 35, 112.
15. (2,1) Gerald Kennedy, *God's Good News,* саҳ. 125.
16. (2,2) Robinson, *Honest,* саҳ. 118.
17. (2,2) NCC, *Called to Responsible Freedom,* саҳ. 11.
18. (2,6) A. J. Pollock, *Why I Believe the Bible is the Word of God,* саҳ. 23.
19. (2,10) *Pageant Magazine,* October 1965.
20. (2,16) Lenski, *Interpretation,* саҳ. 326-327.
21. (2,17) Ин ҷо дар матни юнонии НА калимаи «абадӣ» партофта шудааст, аммо дар ояти мувозӣ дар Яҳудо 13 он ҳаст.
22. (2,18) Дар матни юнонӣ «базӯр гурехтаанд».
23. (3,10) Ба ҷои «хоҳад сӯхт» («катакаезетай») дар матни юнонии НА «дарёфт хоҳад шуд» («ҳеуретезетай») мехонем, ки шояд, маънояш «бараҳна хоҳад шуд» аст.
24. (3,12) Зикри тарҷумон: Дар тарҷумаи тоҷикӣ «ки дар он» аст, дар ҳоле ки дар англисӣ «аз боиси он» аст.
25. (3,16) Albert Barnes, *Notes on the New Testament,* ҷ. X, саҳ. 268.

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Номаи якуми Петрус нигаред.

# НОМАИ ЯКУМИ ЮҲАННО

*Мо даъват шудаем, ки ба Масеҳ тақлид намоем, аммо на ба Масеҳи бар об қадамзананда, балки ба роҳгардиҳои одии Ӯ.*

Мартин Лютер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Номаи якуми Юҳанно ба албоми суратҳои оилавӣ монанд аст. Он аъзоёни оилаи Худоро тасвир менамояд. Чунон ки фарзандон ва падару модарон монананд, фарзандони Худо низ ба Ӯ монандӣ доранд. Ин Нома ҳам ин нишонаҳои монандиро тасвир мекунад. Шахс узви оилаи Худо шуда, ҳаёти Худоро ба даст меорад – ҳаёти абадиро. Онҳое ки ин ҳаётро доранд, онро ба таври гуногун зоҳир мекунанд. Масалан, онҳо Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ эътироф мекунанд, онҳо Ӯро дӯст медоранд, фарзандони Худоро дӯст медоранд, ба фармудаҳои Ӯ итоат мекунанд ва дар гуноҳ зиндагӣ намекунанд. Онҳо гӯё дар худ нишонаҳои ҳаёти абадиро доранд. Юҳанно ин Номаро барои он навишт, то ҳамаи онҳое ки ин нишонаҳои оилавиро доранд, донанд, ки ҳаёти абадӣ доранд (1Юҳ. 5,13).

Номаи якуми Юҳанно аз бисёр ҷиҳатҳо ғайриодӣ аст. Агарчи он номаи воқеист, ки ҳақиқатан фиристода шуда буд, на муаллиф зикр шудааст, на ба кӣ навишта шудани он. Бешубҳа, онҳо якдигарро хуб мешинохтанд. Дар ин китоби хуб боз як чизи олидараҷа ҳаст: ҳақиқатҳои ниҳоят амиқи ахлоқиро муаллиф бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ва одӣ баён мекунад, ки дар онҳо ҳар як калима муҳим аст. Кӣ гуфтааст, ки ҳақиқатҳои амиқ бояд бо ҷумлаҳои мураккаб баён шаванд? Ба ақидаи мо, мавъиза ё нақли хаттие ки баъзеҳо онҳоро таъриф мекунанд ва «амиқ» меҳисобанд, норавшан ва ноаниқ мебошанд.

Андешаронии амиқ ва таҳқиқи самимии Номаи якуми Юҳанно мукофотонида мешаванд. Такрорҳои ошкоро дар асл андаке аз ҳам фарқ мекунанд ва ин маҳз ҳамон тобишҳои маъноӣ мебошанд, ки ба онҳо аҳамият додан лозим аст.

### II. МУАЛЛИФӢ

Шаҳодати берунӣ оид ба муаллифии Номаи якуми Юҳанно қадимӣ ва қавӣ мебошад. Аз тарафи Юҳанно, муаллифи Инҷили чорум, навишта шудани НомароИриней, Клименти Искандариягӣ, Тертуллиан, Ориген ва шогирди вай Дионисий ба таври махсус ишора намудаанд.

Ба монанди муаллифи Нома ба Ибриён, муаллифи Номаи якуми Юҳанно номи худро зикр намекунад. Аммо, бар хилофи Нома ба Ибриён, Номаи якуми Юҳанно шаҳодатҳои боварибахши дохилӣ дорад, ки муаллифии ӯро тасдиқ мекунанд.

Чор ояти аввал нишон медиҳанд, ки муаллиф Масеҳро хуб мешинохт ва бо Ӯ вақти бисёреро гузаронидааст. Ин эҳтимолияти муаллифиро хеле маҳдуд менамояд ва бо ривояте мувофиқат мекунад, ки муаллифи нома расул Юҳанност.

Оҳанги расулона ин гуфтаҳоро тасдиқ менамояд: муаллиф бо қудрат ва эътибор, бо ҳассосияти мураббии рӯҳонӣ («фарзандонам») ва ҳатто бо андаке қатъият менависад.

Фикрҳо, калимаҳо («риоя», «нур», «нав», «ҳукм», «калом» ва ғайра) ва ибораҳо («ҳаёти абадӣ», «ҷони худро фидо кардан», «аз марг ба ҳаёт гузаштан», «Наҷотдиҳандаи ҷаҳон», «гуноҳҳоро гирифтан», «корҳои иблис» ва ғайра) бо Инҷили чорум ва бо номаҳои дигари Юҳанно мувофиқат мекунанд.

Услуби яҳудии параллелизм ва сохти содаи ҷумлаҳо ҳам ба Инҷили Юҳанно ва ҳам ба Нома хос мебошанд. Хуллас, агар мо аз тарафи расул Юҳанно навишта шудани Инҷили чорумро қабул мекарда бошем, пас, набояд хавф

дошта бошем, то ӯро муаллифи ин Нома низ ҳисобем.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки Юҳанно се мактуби қонунии худро солҳои 60-ум дар Уршалим, то он вақте ки румиён ин шаҳрро вайрон карданд, навиштааст. Дар охири асри якум навишта шудани мактуб ба ҳақиқат наздиктар аст (солҳои 80-95-уми пас аз милод). Оҳанги падаронаи номаҳо бо анъанаи қабулшуда оид ба расул Юҳаннои солхӯрда мувофиқат мекунад, ки дигар роҳ гашта наметавонист ва ҳангоме ӯро ба ҷамоат бардошта мебурданд, мегуфт: «Фарзандонам, якдигарро дӯст доред!»

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Дар замони Юҳанно фирқаи бардурӯғе пайдо шуд, ки бо номи фирқаи гностикҳо маълум аст (юн. «гнозис» «дониш»). Гностикҳо мегуфтанд, ки онҳо масеҳиёнанд, аммо дар айни ҳол даъво менамуданд, ки дониши иловагӣ доранд, ки аз он чи расулон мавъиза мекунанд, болотар аст. Онҳо изҳор менамуданд, ки то инсон бо «ҳақиқатҳо»-и боз ҳам амиқтар ошно нашавад, имкониятҳои худро пурра амалӣ гардонда наметавонад. Баъзеҳо таълим медоданд, ки материя манбаи бадист, бинобар ин Одам Исо наметавонист Худо бошад. «Масеҳ» нурафкании илоҳӣ буд, ки ба Исо ҳангоми таъмид гирифтани Ӯ фуруд омад ва пеш аз маргаш Ӯро тарк кард, эҳтимол, дар боғи Ҷатсамонӣ. Мувофиқи ақидаи беасоси онҳо, Исо ҳақиқатан мурд, аммо Масеҳ намурда буд. Чунон ки Майкл Грин менависад, онҳо таъкид менамуданд, ки «Масеҳи осмонӣ беҳад пок ва рӯҳонӣ буд, то ки бо алоқаи муттасил бо ҷисми одамӣ худро доғдор кунад». Хуллас, онҳо таҷассумро рад мекарданд ва эътироф намекарданд, ки Исо Масеҳ аст ва ин Исои Масеҳ ҳам Худо ва ҳам Одам аст. Юҳанно фаҳмид, ки ин одамон масеҳиёни ҳақиқӣ набуданд, ва хонандагони худро огоҳ карда, нишон дод, ки гностикҳо муҳри фарзандони ҳақиқии Худоро надоранд.

Юҳанно чунин меҳисобад, ки шахс ё фарзанди Худост, ё не; ҳолати мобайнӣ вуҷуд надорад. Барои ҳамин ҳам Нома пур аз муқобилгузориҳои тамоман мухолиф аст – нур ва зулмот, муҳаббат ва адоват, ҳаёт ва марг, Худо ва иблис. Дар айни замон бояд зикр кард, ки рафтори хоси одамонро тасвир кардан ба расул маъқул аст. Масалан, байни масеҳиён ва ғайримасеҳиён фарқ гузошта, ӯ на як гуноҳро, балки он чизеро ба асос мегирад, ки одамро тавсиф медиҳад. Ҳатто соати шикаста ду бор дар як шабонарӯз вақти дурустро нишон медиҳад! Аммо соати хуб ҳамеша вақти дурустро нишон медиҳад. Умуман рафтори ҳаррӯзаи шахси масеҳӣ пок ва росткорона аст, ва ин ӯро ҳамчун фарзанди Худо фарқ мекунонад. Юҳанно калимаи «донистан»-ро бисёр истифода мебарад. Гностикҳо мегуфтанд, ки ҳақиқатро медонанд, аммо Юҳанно ин ҷо фактҳои ҳақиқии ҳаёти масеҳиёнаро, ки ба таври боваринок донистан мумкин аст, тасвия медиҳад. Вай Худоро ҳамчун нур (1,5), муҳаббат (4,8.16), ростӣ (5,6) ва ҳаёт (5,20) тасвир мекунад. Ин маънои онро надорад, ки Худо Шахсият нест, балки ки Ӯ Сарчашмаи ҳамин чор баракат аст. Инчунин Юҳанно Ӯро ҳамчун Худои одил (2,29; 3,7), пок (3,3) ва бегуноҳ (3,5) қаламдод менамояд.

Юҳанно калимаҳои содаро истифода мебарад, аммо фикрҳои ифодакардааш аксаран амиқ ва гоҳ-гоҳ душворфаҳм мебошанд. Ҳангоми омӯхтани ин китоб мо бояд дуо кунем, ки Худованд ба мо ёрӣ диҳад, то Каломи Ӯро фаҳмем ва ба ҳақиқате ки бароямон ошкор мекунад, итоат кунем.

# Нақша

I. МУҚАДДИМА: МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА (1,1-4)
II. ВОСИТАҲОИ НИГАҲДОРИИ МУШОРАКАТ (1,5–2,2)
III. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД: ИТОАТКОРӢ ВА МУҲАББАТ (2,3-11)
IV. МАРҲАЛАҲОИ РУШД ДАР МУШОРАКАТ (2,12-14)
V. ДУ ХАТАР БАРОИ МУШОРАКАТ: ҶАҲОН ВА МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (2,15-28)
VI. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД (ДАВОМ): РОСТКОРӢ ВА МУҲАББАТ, КИ ДИЛПУРИРО МЕДИҲАНД (2,29–3,24)
VII. ЭҲТИЁҶИ ФАРҚ КУНОНИДАНИ ҲАҚИҚАТ ВА ИШТИБОҲ (4,1-6)
VIII. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД (ДАВОМ) (4,7–5,20)
   А. Муҳаббат (4,7-21)
   Б. Таълимоти солим (5,1а)
   В. Муҳаббат ва итоаткорие ки пас аз он меояд (5,1б-3)
   Г. Имоне ки бар ҷаҳон ғолиб меояд (5,4.5)
   Ғ. Таълимоти солим (5,6-12)
   Д. Дилпурӣ ба воситаи Калом (5,13)
   Е. Ҷуръат дар дуогӯӣ (5,14-17)
   Ё. Донистани воқеияти рӯҳонӣ (5,18-20)
IX. МУРОҶИАТИ ХОТИМАВӢ (5,21)

# Тафсир

## I. МУҚАДДИМА: МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА (1,1-4)

**1,1** Асоси таълимотии ҳар гуна мушоракати ҳақиқӣ Шахсияти Худованд Исо мебошад. Ҳеҷ гуна мушоракате бо онҳое ки дар бораи Ӯ тасаввуроти бардурӯғ доранд, буда наметавонад. Ду ояти аввал абадияти азалӣ ва ҳақиқати таҷассуми Ӯро меомӯзонанд. Ӯ ҳамонест, ки ҳамеша бо Худо Падар буд ва ба ин ҷаҳон ҳамчун Одами ҳақиқӣ омад. Ҳақиқати таҷассуми (ҷисми одамӣ пайдо кардани) Ӯ бо он исбот карда мешавад, ки расулон Ӯро *шунидаанд, бо чашмони худ дидаанд,* бо диққати тамом ба Ӯ гӯш додаанд ва воқеан *дастҳояшон* Ӯро *ламс кардааст. Каломи ҳаёт* барои онҳо на хаёли гузаранда, балки Шахсияти ҳақиқӣ дар ҷисм буд.

**1,2** Ояти дуюм тасдиқ мекунад, ки Касе ки *бо Падар буд* ва Оне ки Юҳанно Ӯро ин *ҳаёти абадӣ* меномад, ҷисм гашт ва дар байни мо зиндагӣ мекард ва расулон Ӯро *дидаанд.*

Сатрҳои зерини муаллифи номаълум аҳамияти амалии ду ояти аввалро барои ҳаёти мо нишон медиҳанд:

*Ман шодам, ки дониши ман оид ба ҳаёти абадӣ на дар фаразияҳои файласуфон ва ё ҳатто илоҳиётшиносон, балки дар шаҳодати бенуқсони онҳое асос ёфтааст, ки Касеро, ки ин дар Ӯ таҷассум ёфт, шунидаанд, дидаанд, мушоҳида кардаанд ва ламс намудаанд. Ин танҳо орзуи олидараҷа не, балки ҳақиқати баҳснопазир аст, ки бо диққат таҳқиқ шудааст ва аниқ навишта шудааст.*

**1,3** Расулон ин ҳақиқати олидараҷаро махфӣ нигоҳ намедоштанд ва мо низ набояд чунин кунем. Онҳо фаҳмиданд, ки асоси ҳама гуна мушоракат дар ҳамин ҷост, ва инро озодонаву пурра эълон намуданд. Ҳар касе ки шаҳодати расулонро мегирад, *бо Падар ва Писари Ӯ Исои Масеҳ,* бо расулон ва ҳамаи масеҳиён *мушоракат дорад.* Чӣ хуш, ки гуноҳкорони айбдор бо Худо *Падар ва Писари Ӯ Исои Масеҳ мушоракат* хоҳанд дошт! Ин худи ҳамон ҳақиқатест, ки ин ҷо барои мо кушода шудааст.

*Писари Ӯ Исои Масеҳ.* Исо ва Масеҳ ҳамон як Шахсият аст, ва ин Шахсият Писари Худост. *Исо* номест, ки ҳангоми зода шудан ба Ӯ дода шудааст, ва дар бораи табиати одамии Ӯ шаҳодат медиҳад. *Масеҳ* номест, ки дар бораи Ӯ ҳамчун Масҳшудаи Худо, шаҳодат медиҳад. Бинобар ин худи номи *Исои Масеҳ* оид ба табиати одамӣ ва илоҳии Ӯ шаҳодат медиҳад. Исои Масеҳ «ҳақиқатан Худо аз Худо» ва дар айни замон Одами ҳақиқӣ мебошад.

**1,4** Аммо чаро Юҳанно дар бораи мушоракат менависад? Барои он ки *шодии* мо *комил бошад*. Юҳанно фаҳмид, ки ҷаҳон наметавонад ба дили одам *шодии* ҳақиқӣ ва дарозмуддат диҳад. Ин шодӣ танҳо ба василаи муносибатҳои дуруст бо Худованд меояд. Дар мушоракат бо Худо ва Худованд Исо буда, одам шодии олитаринро ба даст меорад, ки бо сабабҳои заминӣ халалдор кардан имкон надорад. Чунон ки як шоир гуфтааст: «Сарчашмаи сурудани ӯ дар афроз, дар осмонҳост».

## II. ВОСИТАҲОИ НИГАҲДОРИИ МУШОРАКАТ (1,5–2,2)

**1,5** Мушоракат вазъиятест, ки ду ё зиёда касон чизеро бо ҳам мебинанд. Ин умумият, ё рафоқат аст. Акнун Юҳанно мехоҳад талаботҳоеро, ки барои мушоракат бо Худо ҳатмӣ ҳастанд, ба хонандагонаш расонад. Барои ин ӯ ба таълимоти Исои Масеҳ, ҳангоме ки Ӯ дар рӯи замин буд, муроҷиат мекунад. Агарчи ин ҷо суханони Худованд аниқ иқтибос оварда намешаванд, хулоса ва моҳияти таълимоти Ӯ дар он аст, ки *Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ торикие нест*. Вай онро дар назар дошт, ки *Худо* комилан муқаддас, комилан росткор ва комилан пок аст. Худо ба ҳеҷ кадом шакли гуноҳ чашм пӯшида наметавонад. Ҳеҷ чиз аз Ӯ пинҳон нест, балки «ҳама чиз пеши чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот медиҳем « (Ибр. 4,13).

**1,6** Пас, одам барои бо Худо *мушоракат* доштан набояд ягон гуноҳро пинҳон кунад. Нур ва торикӣ дар ҳаёти одам ҳамзистӣ карда наметавонанд, чунон ки онҳо дар ҳуҷраи хонаатон якҷоя вуҷуд дошта наметавонанд. Агар одам дар *торикӣ* қадамгузор бошад, ӯ бо Худо мушоракат надорад. Агар одам гӯяд, ки *бо Ӯ мушоракат* дорад, ва *дар торикӣ* қадамгузор бошад, пас, вай ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буд.

**1,7** Ва баръакс, *агар* мо *дар нур* қадамгузор *бошем,* пас, бо Худованд Исо ва бо имондорони масеҳӣ *мушоракат дорем*. Ба фикри Юҳанно одам ё дар нур қадамгузор аст, ё дар зулмот. Агар вай дар нур бошад, вай узви оилаи Худост, агар дар зулмот бошад, пас, бо Худо ҳеҷ чизи умумӣ надорад, чунки дар Худо ҳеҷ зулмоте нест. Дар нур қадамгузор будагон, яъне масеҳиён, *бо якдигар мушоракат* доранд, *ва Хуни Писари Ӯ Исои Масеҳ* онҳоро доимо *аз ҳар гуноҳ пок менамояд*. Бахшидани куллии Худо дар хуни Писари Ӯ, ки дар Ҷолҷолто рехт, асос ёфтааст. Ин *Хун* Худоро бо асоси одилона таъмин намуд, ки ба василаи он Ӯ гуноҳҳоро омурзида метавонад, ва чунон ки мо месароем, «Хун ҳеҷ гоҳ қуввати худро гум намекунад». Он ҳеҷ гоҳ қудрати пок кардани моро гум намекунад. Албатта, чунон ки Юҳанно дар ояти 9 менависад, пеш аз ба даст овардани бахшидан имондорон бояд дар гуноҳҳояшон иқрор шаванд.

**1,8** Боз ҳам мушоракат бо Худо онро талаб мекунад, ки мо *ростиро* дар бораи худ эътироф намоем. Масалан, инкор кардани табиати гуноҳолуди мо худфиребӣ ва дурӯғ аст. Аҳамият диҳед, ки Юҳанно *гуноҳ* (ояти 8) ва гуноҳҳоро (ояти 9) аз ҳам фарқ мекунонад. Гуноҳ ба табиати вайроншудаи бади мо дахл дорад. Гуноҳҳо ба корҳои бади мо дахл доранд. Дар асл он чи мо ҳастем, аз он чи мо ягон вақт кардаем, хеле бадтар аст. Аммо шукри Худованд, ки Масеҳ барои *гуноҳи* мо ва гуноҳҳои мо мурд.

Имон овардан маънои онро надорад, ки табиати пургуноҳ нобуд карда шудааст. Аниқтараш, он қабул намудани табиати нави илоҳиро ифода мекунад, ки барои ғолиб омадан бар гуноҳи дар мо мезиста қувват медиҳад.

**1,9** Барои доимо дар мушоракат бо Худо ва бародарон будан мо бояд *гуноҳҳои худро эътироф кунем:* гуноҳҳои бевафоӣ, гуноҳҳои саҳв, гуноҳҳои фикрҳо ва рафтор, гуноҳҳои ошкор ва ниҳонӣ. Мо бояд онҳоро ба берун барорем, дар назди Худо ошкор намоем, бо номҳои худашон номбар кунем, бар зидди онҳо дар ҷониби Худо биистем ва онҳоро тарк намоем. Ҳа, иқроршавии ҳақиқӣ боиси аз гуноҳ даст кашидан мегардад: «Касе ки ҷиноятҳои худро ниҳон дорад, муваффақият намеёбад, вале касе ки иқрор шавад ва онро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад» (Мас. 28,13).

Чунин рафтор намуда, мо бо ҳуқуқи пурра умед дошта метавонем, ки азбаски Худо *бовафо ва росткор аст,* гуноҳҳоямонро *мебахшад*. Ӯ амин аст ва гуноҳҳои моро мебахшад, чунки Ӯ бахшиданро ваъда додааст, ва ваъдаашро иҷро мекунад. Ӯ *росткор* аст, ва гуноҳҳоро *мебахшад,* чунки Ӯ дар марги ивазкунандаи Исо дар салиб барои бахшидан асоси ҳаққонӣ дорад. Ӯ на танҳо бахшидашавӣ ато

мекунад, балки инчунин *моро аз ҳар ноинсофӣ пок менамояд*.

Бахшидане ки Юҳанно ин ҷо оид ба он мегӯяд, на доварона, балки падарона аст. Бахшидани доварона аз ҷазо барои гуноҳ бахшида шудан аст, ки онро гуноҳкор ҳангоми ба Худованд Исо имон овардан ба даст меоварад. Он барои ҳамин бахшидани доварона номида мешавад, ки Худо онро пешкаш намуда, ҳамчун довар амал мекунад. Аммо бо гуноҳҳое ки шахси имондор содир менамояд, чӣ бояд кард? Худованд Исо аллакай барои гуноҳ дар салиби Ҷолҷолто ҷазо дид. Дар хусуси мушоракат дар оилаи Худо бошад шахси муқаддаси гуноҳкарда ба бахшидани падарона муҳтоҷ аст, яъне ба бахшидани Падари худ. Вай дар гуноҳаш иқрор шуда, бахшиданро ба даст меорад. Ба бахшидани доварона мо танҳо як бор эҳтиёҷ дорем: он ҷазоро барои ҳамаи гуноҳҳои мо дар бар мегирад – гузашта, ҳозира ва оянда. Аммо дар ҳаёти ҳаррӯзаи масеҳиёнаи худ мо доимо ба бахшидани падарона эҳтиёҷ дорем.

*Гуноҳҳоямонро эътироф намуда,* мо бояд ба тағйирнопазирии Сухани Худо, ки дар он Ӯ оид ба бахшидани мо мегӯяд, умед бандем. Ӯ моро меомурзад, пас, мо низ бояд барои бахшидани худ тайёр бошем.

**1,10** Ниҳоят, барои бо Худо дар мушоракат будан мо набояд инкор кунем, ки гуноҳ мекунем. Худо дар Сухани Худ борҳо изҳор намудааст, ки ҳама гуноҳ кардаанд. Инкор кардани ин – Худоро *дурӯғгӯй сохтан* аст. Ин мухолифати рӯйрост ба Сухани Ӯ ва инкори пурраи сабабест, ки Худованд Исоро водор намуд, то омада барои мо азоб кашад, хуни Худро резад ва бимирад.

Инак, мо мебинем, ки мушоракат бо Худо ҳаёти бегуноҳонаро талаб намекунад. Аниқтараш, он талаб мекунад, ки гуноҳҳои мо назди Ӯ ошкор, эътироф ва тарк карда шаванд. Ин маънои онро дорад, ки мо ҳолати худро баҳо дода, бояд комилан поквиҷдон бошем, ҳеҷ гуна риёкориро роҳ надиҳем ва дар асл чӣ гуна будани худро пинҳон накунем.

**2,1** Юҳанно ба мо оид ба меъёри комили Худо барои халқи Ӯ ва шартҳои раҳмдилона дар мавриди нобарории мо нақл мекунад. Калимаҳои *«Эй фарзандонам»* ба ҳамаи аъзоёни оилаи Худо нигаронида шудаанд. Меъёри комили Худо дар калимаҳои зерин тасвия карда шудааст: *«Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ накунед»*. Худо комил аст, бинобар ин меъёри Ӯ барои одамон – камолоти мутлақ аст. Ӯ Худо намебуд, агар мегуфт: «Инро ба шумо менависам, то ки шумо ҳаддалимкон камтар гуноҳ кунед». Худо ҳатто ба гуноҳи камтарин ҳам чашм пӯшида наметавонад, ва аз ин рӯ дар назди мо мақсади камолотро мегузорад. Худованд Исо бо зане ки дар зинокорӣ дастгир шуда буд, чунин рафтор намуд. Ӯ чунин гуфт: «Ман низ туро маҳкум намекунам, бирав ва дигар гуноҳ накун».

Дар айни замон Худованд моҳияти моро медонад. Ӯ дар ёд дорад, ки мо хокем, ва бинобар ин чораҳое андешид, ки имкон медиҳанд хатоҳоямонро ислоҳ кунем. Ин чораҳо дар суханони зерин ифода ёфтаанд: *«... ва агар касе гуноҳ кунад, мо назди Падар Шафоатгаре дорем, яъне Исои Масеҳи Росткор»*. Шафоатгар касест, ки шахси дигарро ҷонибдорӣ мекунад, то ки ба ӯ дар эҳтиёҷаш ёрӣ диҳад. Ҳангоме ки мо гуноҳ мекунем, Исои Масеҳ маҳз ҳамин хел рафтор мекунад. Ӯ фавран ба назди мо меояд, то ки мушоракати моро бо Ӯ барқарор намояд. Аҳамият диҳед, ки ин ҷо гуфта нашудааст: «Агар одам гуноҳҳои худашро эътироф кунад ...» Ҳамчун Шафоатгар, Худованд мекӯшад моро моил намояд, ки мо гуноҳи худро эътироф намуда, онро тарк кунем.

Дар ин оят як чизи хеле дилпазире ҳаст, ки набояд аз мадди назар дур созем. Дар он гуфта мешавад: *«... ва агар касе гуноҳ кунад, мо назди Падар Шафоатгаре дорем»*. Ин ҷо «назди Худо» гуфта нашудааст, балки «назди Падар». Ҳатто агар мо гуноҳ кунем ҳам, Ӯ *Падари* мост. Ин ба мо ҳақиқати пурбаракатеро хотиррасон мекунад, ки гуноҳ дар ҳаёти имондор мушоракатро халалдор мекунад, аммо хешигариро вайрон намекунад. Шахсе ки аз олами боло зода шудааст, узви оилаи Худо мешавад. Акнун Худо *Падари* ӯст, ва ин робитаро ҳеҷ чиз вайрон карда наметавонад. Зода шудан чизест, ки онро нобуд кардан имкон надорад. Писар падари худро шарманда карда метавонад, аммо вай хоҳ-нохоҳ аз рӯи факти зодашавӣ писари ӯст.

Аҳамият диҳед, ки Шафоатгари мо *Исои Масеҳи Росткор аст*. Ҳимоятгари *одил* доштан хуб аст. Ҳангоме ки иблис имондорро айбдор мекунад, Худованд Исо ба кори дар Ҷолҷолто ба анҷом расонидааш ишора карда мегӯяд: «Ин айбдоркуниро ба ҳисоби Ман дохил кун».

**2,2** Худованд Исо на танҳо Шафоатгари мо, балки *барои гуноҳҳои мо кафорат аст.* Ин маънои онро дорад, ки Ӯ барои мо мурда, моро аз айби гуноҳ озод кард, ва қаноатмандии заруриро таъмин намуда ва ҳама гуна монеаҳоро барои мушоракат бартараф намуда, моро бо Худо оштӣ дод. Худо ба мо файзро зоҳир мекунад, чунки Масеҳ талаботи доварии барҳақро қонеъ намуд. Магар бисёр воқеъ мешавад, ки ҳимоягар (ё адвокат) музди гуноҳҳои шахси ҳимояшавандаро диҳад; аммо Худованди мо маҳз ҳамин тавр кард, ва аз ҳама олитар он аст, ки Ӯ Худро барои қурбонӣ супорида, музди гуноҳҳоро ба ҷои онҳо дод.

Юҳанно илова мекунад, ки Ӯ *кафорат аст* на танҳо *барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ.* Ин маънои онро надорад, ки тамоми ҷаҳон наҷот ёфтааст. Аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки қаҳрамонии фидокоронаи Худованд Исо аз ҷиҳати арзиш барои наҷот додани тамоми *ҷаҳон* кофист, аммо танҳо онҳоеро наҷот дода метавонад, ки дар ҳақиқат ба Ӯ таваккал мекунанд. Қурбонии Ӯ барои ҳамаи одамон кофист, бинобар ин Хушхабарро ба тамоми ҷаҳон пешниҳод кардан мумкин аст. Аммо агар тамоми одамон ба таври автоматӣ наҷот меёфтанд, ҳеҷ зарурате намебуд, ки ба онҳо Хушхабар мавъиза карда шавад.

Ҷолиби диққат аст, ки навиштаҷот дар салиб ба забони ибронӣ – забони халқи интихобшудаи Худо, ва ба забонҳои юнонӣ ва лотинӣ – забонҳои асосии ҷаҳони он замон маълум навишта шуда буд. Ҳамин тариқ, ба тамоми ҷаҳон эълон шуда буд, ки Исои Масеҳ Наҷоткори кофӣ барои ҳамаи одамон дар ҳама ҷост.

## III. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД: ИТОАТКОРӢ ВА МУҲАББАТ (2,3-11)

**2,3** Юҳанно дар бораи нишонаҳои ҳақиқии онҳое нақл карданист, ки дар мушоракати масеҳиёна мебошанд. Якум итоаткорӣ. Агар дар дили мо муҳаббат ва хоҳиши ба ҷо овардани хости Ӯ бошад, мо ба муносибатҳоямон бо Худо боварӣ дошта метавонем. Бешубҳа, ин оятҳо бар зидди гностикҳо равона карда шудаанд. Онҳо мегуфтанд, ки дониши мутлақи Худоро доранд, аммо *фармудаҳои* Худовандро сарфи назар мекарданд. Юҳанно нишон медиҳад, ки ин гуна дониш хушку холӣ ва бемаъност.

Юҳанно итоаткории имондорро дар се ҷабҳа тасвир мекунад: риоя кардани *фармудаҳои Ӯ* (ояти 3), риоя кардани сухани Ӯ (ояти 5), монанди Ӯ рафтор намудан (ояти 6). Ин ҷо инкишофи муайяни фикр дида мешавад: *фармудаҳои Ӯро риоя кардан* – итоат намудан ба таълимоти Худованд Исо аст, ки дар Инҷил зикр ёфтааст. Барои риоя кардани сухани Ӯ на танҳо ба навишташуда итоат намудан, балки доштани хоҳиши ба ҷо овардани хости Худост. Монанди Ӯ рафтор намудан (ва ин ифодаи пурраи меъёри Худо барои халқи Ӯст) чунон зистан аст, ки Исо зиста буд.

**2,4** Аз афташ, Юҳанно дар назар дошт, ки одатан масеҳӣ мехоҳад *фармудаҳои Ӯро риоя кунад* ва хости Ӯро ба ҷо оварад, на ин ки ҳаёти масеҳиёна бо итоати бенуқсон ба хости Худо муайян карда мешавад. Юҳанно тамоми ҳаёти одамро аз назар мегузаронад. Агар касе гӯяд, ки Худоро медонад, аммо *фармудаҳои Ӯро риоя накунад,* пас, маълум аст, ки *вай дурӯғгӯй аст* ва *дар вай ростӣ нест.*

**2,5** Баръакс, ҳангоме ки мо *каломи Ӯро риоя* мекунем, *дар* мо *ба ростӣ муҳаббати Худо ба камол расидааст. Муҳаббати Худо* на муҳаббати моро ба Худо, балки, аниқтараш, муҳаббати Ӯро ба мо ифода мекунад. Гап дар он аст, ки *муҳаббати* Худо ба ҳадаф расидааст, агар мо *каломи Ӯро* риоя кунем. Он ба Ӯ итоат намуданро омӯзонида, ба ҳадаф мерасад ва ба анҷом наздик мешавад.

**2,6** Бинобар ин, *касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, бояд тавре рафтор кунад, ки* Масеҳ *рафтор мекард.* Ҳаёти Ӯ, ки дар Инҷилҳо тасвир ёфтааст, барои мо принсипи роҳбарикунанда ва намуна аст. Мо на ба василаи қувва ё энергияи худ, балки танҳо ба шарофати қувваи Рӯҳулқудс чунин зиста метавонем. Вазифаи мо ин аст, ки ҳаёти худро пурра ба Ӯ боварӣ кунем ва ба Ӯ имкон диҳем, ки дар мо ва ба воситаи мо зиндагӣ кунад.

**2,7** Нишонаи дигари муҳими имондори ҳақиқӣ бародардӯстӣ мебошад. Юҳанно мегӯяд, ки *фармудаи тозае наменависад, балки фармудаи қадимие ки шумо аз ибтидо доштед.* Дигар хел карда гӯем, Худованд Исо *аз ибтидои* хизматгузории заминиаш шогирдони

Худро таълим медод, ки якдигарро дӯст доранд.

Гностикҳо нав будани таълимоти худро ҳамеша ба намоиш мегузоштанд. Аммо расул ба хонандагонаш маслиҳат медиҳад, ки ҳама чизро аз нуқтаи назари таълимоти Худованд, ки Ӯ онро ин ҷо дар замин гузоштааст, тафтиш намоянд. Ҳамеша хатари дур шудан аз он чи *аз ибтидо*[1] буд, ҳаст. Юҳанно мегӯяд: «Ба ибтидо баргардед ва бубинед, ки чӣ ҳақиқист».

**2,8** Аммо ин ҳукм на танҳо қадимист, балки аз ҷиҳати маъно нав низ ҳаст. Ҳангоме ки Худованд Исо дар рӯи замин буд, Ӯ на танҳо дӯст доштани якдигарро ба шогирдон таълим медод, балки ба онҳо намунаи зиндаеро аз он чи дар назар дошт, нишон дод. Зиндагии Ӯ пур аз муҳаббат ба дигарон буд. Ҳангоме ки Ӯ дар рӯи замин мезист, ҳукм ба *ростӣ дар Ӯ* буд. Аммо акнун ин ҳукми қадимӣ ба як маъное нав аст. Аз рӯи марҳамати Худо он на танҳо дар Худованд Исо *ростӣ* аст, балки дар имондорон низ. Ин масеҳиён пештар бутпараст буданд, ки дар бадбинӣ ва ҳавасҳои бад мезистанд. Акнун онҳо намуна нишон доданд ва қонуни бузурги муҳаббатро дар зиндагии худ амалӣ гардонданд.

Ҳамин тариқ, ҳангоме ки одамон дорои нури Хушхабар мешаванд, *торикӣ мегузарад*. На ҳамаи торикӣ гузашт, чунки на ҳамаи одамон ба назди Масеҳ омаданд, аммо Масеҳ, *нури ҳақиқӣ, акнун медурахшад,* ва ҳар боре ки гуноҳкорон ба сӯи Ӯ бозгашт мекунанд, онҳо наҷот меёбанд ва минбаъд бародарони имондори худро дӯст медоранд.

**2,9-11** Дар оятҳои 9-11 муҳаббати ҳақиқӣ ва бардурӯғ бо ҳам муқобил гузошта мешаванд. Агар касе гӯяд, ки масеҳист, ва дар айни замон аз масеҳиёни ҳақиқӣ *нафрат дошта бошад,* ин нишонаи равшани он аст, ки *вай ҳанӯз дар зулмот аст.* Ифодаи охир на ба он ҳолате дахл дорад, ки одам аз бовар баргашта, ба гуноҳ дода мешавад, чунон ки дар назари аввал намуда метавонад. Одам чунон ки ҳамеша буд, ҳамон тавр мондан мегирад, яъне наҷотнаёфта. Аммо касе ки *бародари худро* ҳақиқатан *дӯст медорад, вай дар нур сокин аст, ва дар вай васвасае нест.* Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки васваса ба худи одам таҳдид намекунад, ва низ метавонад онро ифода кунад, ки вай барои дигарон сабаби васваса намешавад. Ҳар ду тафсир дурустанд. Агар масеҳӣ ҳақиқатан дар мушоракат бо Худованд зиндагӣ кунад, нур роҳи ӯро равшан мекунад ва ягон номувофиқӣ байни имон ва зиндагияш хотири касеро озурда намесозад. Гностикҳо аз онҳое ки ба Сухани Худо содиқ буданд, нафрати зиёд доштанд. Ин исботи он буд, ки онҳо *дар торикӣ* мебошанд, *ва дар торикӣ* мегарданд, *ва* намедонанд, *ки куҷо* мераванд, *чунки торикӣ* чашмони онҳоро *кӯр кардааст.*

Гӯё намунаи бародардӯстии мегуфтаашро нишон дода, расул таваққуф мекунад, то ба аъзоёни оилаи Худо муроҷиатҳои пур аз муҳаббатро равона кунад.

## IV. МАРҲАЛАҲОИ РУШД ДАР МУШОРАКАТ (2,12-14)

**2,12** Аввал Юҳанно ба ҳамаи оила бо суханони *«фарзандон»*[2] муроҷиат мекунад. Ин ҷо синну сол ё нашъунамои рӯҳонӣ дар назар дошта нашудааст. Юҳанно ба ҳамаи онҳое ки ба Худованд тааллуқ доранд, муроҷиат мекунад, ва инро қисми дуюми оят тасдиқ мекунад: *чунки гуноҳҳои шумо ба хотири номи Ӯ бахшида шудаанд.* Ин барои ҳамаи масеҳиён ҳақиқат аст. Чӣ гуна олист – доштани озодии пурра аз гуноҳҳо ва донистани ин. Таваҷҷуҳ намоед: *гуноҳҳои* мо *ба хотири номи Ӯ бахшида шудаанд.* Маҳз ба хотири номи Масеҳ Худо гуноҳҳои моро мебахшад.

**2,13** *Падарон* ҳамчун онҳое тасвир карда мешаванд, ки *Ӯро, ки аз ибтидост, шинохтаанд*, имондорони болиғе ки рафоқати дилпазири Писари Худоро шинохтаанд ва дар Ӯ каноатмандӣ ёфтаанд. *Ҷавонон* дар оилаи рӯҳонӣ чун онҳое тасвир карда мешаванд, ки бо мардонагӣ бар зидди душман мубориза мебаранд. *Ҷавонон иблисро мағлуб* кардаанд, чунки сирри ғалабаро шинохтаанд: «На ман, балки Масеҳ, ки дар ман зиндагӣ мекунад». *Бачагон* – онҳое ки дар имон кӯдаканд. Онҳо шояд ҳанӯз дониши зиёд надоранд, аммо онҳо *Падарро* шинохтаанд.

**2,14** Юҳанно боз ба *падарон* муроҷиат мекунад, ва ин муроҷиат ба аввалӣ монанд аст. Вай ба онҳо муроҷиат мекунад, чунки онҳо дар таҷрибаи рӯҳонӣ ба балоғат расидаанд. Боз *ҷавонон* ҳамчун дар Худованд *пурзӯр* тасвир ёфтаанд, ки дар тавоноии Ӯ сокин мебошанд. Онҳо *иблисро мағлуб* карданд, чунки *Каломи*

*Худо дар* онҳо *сокин аст.* Худованд Исо аз Навиштаи Муқаддас иқтибос оварда, иблисро дар биёбон мағлуб карда тавонист. Ин таъкид менамояд, ки Навиштаи Муқаддасро доимо хондан ва ба ҳуҷумҳои иблис омода будан чӣ қадар муҳим аст.

## V. ДУ ХАТАР БАРОИ МУШОРАКАТ: ҶАҲОН ВА МУАЛЛИМОНИ БАРДУРӮҒ (2,15-28)

Дар оятҳои 15-17 моро бо исрор огоҳ менамоянд, ки ҷаҳонро ва роҳҳои маккоронаи онро дӯст надорем. Шояд, ин огоҳкунӣ пеш аз ҳама ба ҷавонон нигаронида шудааст, ки аксаран ҷаҳон барояшон махсусан ҷолиб аст, аммо он ҳамчунин ба тамоми халқи Худо нигаронида шудааст. Ин ҷо «ҷаҳон» на сайёраест, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, ва на муҳити табиии зисти мо. Аниқтараш, ин низомест, ки одам онро бо кӯшиши бе Масеҳ хушбахт шудан сохтааст. Он ҷаҳони маданият, театр, санъат ва маорифро дар бар гирифта метавонад – хулласи калом, ҳар соҳае ки дар он Худовандро дӯст намедоранд ва Ӯро даъват намекунанд. Касе ба ҷаҳон чунин таъриф додааст: «Ҷамъияти инсонӣ, ба он маъное ки бар принсипҳои нодуруст сохта шудааст, ва ба он хоҳишҳои паст, арзишҳои бардурӯғ ва худхоҳӣ хос аст».

**2,15-16** Моро возеҳан огоҳӣ медиҳанд, ки *ҷаҳонро дӯст* надорем, *на он чиро, ки дар ҷаҳон аст,* зеро дӯст доштани ҷаҳон дар муқоиса бо *муҳаббати Падар* ҳеҷ аст. *Ҳар чи ҷаҳон* пешниҳод мекунад, ҳамчун *ҳаваси ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ* тавсиф намудан мумкин аст. *Ҳаваси ҷисм* ба майлҳои эҳсосотии ҷисмонӣ дахл дорад, ки аз табиати бади дохилии мо бармеояд. *Ҳаваси чашмон* ба хоҳишҳои нопок дахл дорад, ки ҳамчун натиҷаи он чи мо мебинем, ба вуҷуд меоянд. *Ғурури зиндагонӣ* – такаббури исёнкоронаи болобардор кардани худ ва худтаърифкунӣ мебошад. Ин се унсури дунявӣ дар мавриди Ҳавво ҳузур доранд. Мева хушмаза буд; ин *ҳаваси ҷисм* аст. Мева намуди назаррабо дошт; ин *ҳаваси чашмон* аст. Мева барои соҳиби маърифат шудан дилхоҳ буд; ин *ғурури зиндагониро* тавсиф медиҳад.

Чунон ки иблис ба Масеҳ мухолифат дорад, ва ҷисм ба рӯҳ душман аст, айнан ҳамон тавр ҷаҳон бо Падар зиддият дорад. Шаҳватҳо, ҳирс ва ҳавобаландӣ *аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст.* Яъне онҳо аз Падар барнамеоянд, сарчашмаи онҳо дар ҷаҳон аст. Аз ин ҷаҳон будан – дӯст доштани чизи бебақо аст. Дили одам ҳеҷ гоҳ дар ин чизҳо қаноатмандӣ пайдо намекунад.

**2,17** *Ва ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст.* Ҳангоме ки бонк ба варшикаст наздик аст, одамони кордон пулҳои худро ба он намебаранд. Ҳангоме ки таҳкурсӣ меҷунбад, сохтмончиёни доно сохтмонро давом намедиҳанд. Ба ин ҷаҳон марказонидани диққат монанди ҷой иваз кунонидани курсиҳо дар «Титаник» аст. Шахсони бохирад барои *ҷаҳони гузарон* зиндагӣ намекунанд. ҳар кӣ *хости Худоро ба ҷо меоварад, ҷовидона боқист.* Маҳз *иродаи Худо* моро аз васвасаҳои *гузарон* дур мекунад. Муждабари бузург Д. Л. Мудӣ дар вақти зиндагияш ин оятро дӯст медошт, ва ҳамин оят дар лавҳаи болои қабри вай навишта шудааст: «Касе ки хости Худоро ба ҷо меоварад, ҷовидона боқист».

**2,18** Санҷиши дигар барои онҳое ки дар мушоракати масеҳиёна мебошанд, тафтиши таълимот мебошад. Огоҳкунӣ ба онҳое нигаронида шудааст, ки дар Масеҳ кӯдаканд ва ба муаллимони бардурӯғ муқобилат карда наметавонанд. Онҳое ки дар имон мустаҳкам нестанд, ба дурӯғи *зиддимасеҳ* махсусан ҳассосанд. Хонандагони Юҳанно шунидаанд, ки пеш аз омадани Масеҳ *зиддимасеҳ* омада, худро Масеҳ вонамуд хоҳад кард. Чунон ки пеш аз ҳодисаи ба қарибӣ воқеъ мешуда нишонаҳои муайян падидор мегарданд, пеш аз зоҳир шудани *зиддимасеҳ* низ *зиддимасеҳони зиёде* пайдо мешаванд. Инҳо муаллимони дурӯғин мебошанд, ки масеҳи дурӯғин ва Хушхабари дурӯғинро пешниҳод мекунанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар замони мо фирқаҳои зиёде ҳастанд, ки Масеҳро инкор мекунанд, ва бо ҳамин ҳамаи онҳо исбот менамоянд, ки омадани Масеҳ наздик аст.

**2,19** Муаллимони дурӯғин рӯйрост изҳор менамуданд, ки онҳо масеҳӣ ҳастанд, ва худро бо расулон айният медоданд. Аммо онҳо дар дил бо имондорони ҳақиқӣ ҳақиқатан як набуданд, ва аз ҷамоат *берун рафта,* инро нишон доданд. *Агар онҳо аз мо мебуданд, бо мо мемонданд.* Ин ҷо мо мефаҳмем, ки ба имони ҳақиқӣ устуворӣ хос аст. Агар одам ҳақиқатан аз олами боло зода шуда бошад, вай бо

Худованд мемонад. Ин маънои онро надорад, ки мо ба тавре ки дар санҷишҳо то охир устувор монем, наҷот меёбем. Аниқтараш, онҳое ки то охир сабр карданд, ҳақиқатан наҷот ёфтаанд. Муаллимони дурӯғин *берун омаданд, то маълум шавад, ки ҳеҷ яки онҳо аз мо нестанд.*

**2,20** Аммо дар ин ҳолат саволе пайдо мешавад: Имондори ҷавон чӣ гуна дониста метавонад, ки чӣ ҳақиқат аст ва чӣ дурӯғ? Ҷавоб чунин аст: Мо *аз ҷониби Қуддус масҳ ёфтаем ва ҳамаи* мо *медонем,* ва ин *масҳ* Рӯҳулқудсро дар назар дорад ва *аз Қуддус* бармеояд, яъне аз Худованд Исои Масеҳ. Шахси наҷотёфта Рӯҳулқудсро ба даст меорад, ки Ӯ ба имондор имкон медиҳад, то фарқи ҳақиқатро аз дурӯғ донад. Ҳангоме ки Юҳанно ба хонандагони ҷавони худ *«Шумо ҳама чизро медонед»*[3] мегӯяд, маънои мутлақи суханонро дар назар надорад. Онҳо дониши комил надоранд, аммо муайян карда метавонанд, ки чӣ ҳақиқат аст ва чӣ дурӯғ. Ҳамин тариқ, ҷавонтарин, содалавҳтарин имондор дар масъалаҳои илоҳӣ аз файласуфи наҷотнаёфта зиректар аст. Масеҳӣ ба зону истода, назар ба шахси дунявӣ, ки ба нӯги по истодааст, чизҳои бештарро мебинад. Дар ҷаҳони табиӣ кӯдаки зодашуда якбора ҳамаи қобилиятҳои ба нажоди одамӣ хосро дорост. Ӯ чашм, даст, пой ва қобилиятҳои ақлӣ дорад. Онҳоро дертар гирифтан имкон надорад. Бадан калон мешавад ва инкишоф меёбад, аммо онҳо аз худи аввал ба шахсият тааллуқ доранд. Бо одами аз олами боло зодашуда низ ҳамин чиз ба амал меояд. Дар он лаҳза ӯ ҳамаи атоҳоеро мегирад, ки дертар аён мешаванд, ва ӯ барои инкишоф додани онҳо имкониятҳои номаҳдуде хоҳад дошт.

**2,21** Юҳанно на *аз он сабаб* навишт, ки хонандагонаш оид ба *ростӣ* хабар надоранд, балки аниқтараш, барои қавӣ гардондани онҳо дар ростие ки медонистанд, ва ёдрас намудан оид ба он ки *ҳеҷ дурӯғ аз ростӣ нест.* Гностикҳо таълимотҳои зидди Каломи Худоро мавъиза менамуданд, ва аз ҳамин сабаб дурӯғгӯй буданд. Дурӯғи асосии онҳо, асоси тамоми таълимоти онҳо, дар рад кардани Масеҳ будани Исо буд. Дар пешгуфтор гуфта шудааст, ки мувофиқи таълимоти онҳо, Исо одами одӣ буд, Масеҳ бошад дар лаҳзаи таъмиди масеҳӣ ба вай ворид шуд. Имрӯзҳо ҳам бисёр фирқаҳо ин дурӯғро пеш мебаранд. Навиштаи Муқаддас дар ҳама ҷой таъкид мекунад, ки Исои Аҳди Нав – Парвардигори (Яҳува) Аҳди Қадим аст. Гуфтани он ки Масеҳ бар Исо фуруд омад, нодуруст аст, чунки Исо Масеҳ аст.

**2,22** Юҳанно равшан ишора мекунад, ки инкор кардани моҳияти илоҳии Худованд *Исо* – яъне *Падарро* ҳам инкор кардан аст. Барои баъзеҳо чунин ҳисобидан маъқул аст, ки онҳо ба Худо ибодат мекунанд, аммо онҳо бо Худованд Исои Масеҳ ягон хел муносибат доштан намехоҳанд. Расул мегӯяд: *«Вай зиддимасеҳ аст, ки Падар ва Писарро инкор мекунад».*

**2,23** Дар Матто 8,19.42 Исо гуфт, ки касе табиати илоҳии Ӯро эътироф намекунад ва Ӯро дӯст намедорад, Падарро намедонад ва Худоро Падар ҳисобидан наметавонад. Юҳанно низ ҳаминро мегӯяд: *«Ҳар кӣ Писарро инкор мекунад, Падарро низ надорад; ҳар кӣ Писарро эътироф мекунад, Падарро низ дорад».* Ин ҷо ба мо ҳақиқати олидараҷае оид ба ягонагии *Падар* ва *Писар* баён шудааст. *Писарро* надошта, дорои *Падар* шудан имкон надорад. Ҳамаи унитарианҳо, пайравони илми масеҳӣ, мусулмонон, модернистҳо, шоҳидони Яҳува ва яҳудиён бояд инро ба назари эътибор гиранд.

**2,24** Барои имондорони ҷавон чунин баёнот ҳимояте аз муаллимони дурӯғин буда метавонад, ки *он чи шумо аз ибтидо шунидаед, бигзор дар шумо монад.* Ин ба таълимоти Худованд Исо ва расулони Ӯ дахл дорад. Агар мо ба Каломи Худо наздик бошем, пас, дар бехатарии мутлақ ҳастем. Ҳама гуна таълимотро мо бояд бо чунин саволе тафтиш кунем: «Навиштаи Муқаддас чӣ мегӯяд?» Агар таълимот бо Навиштаи Муқаддас мувофиқат накунад, онро бояд инкор намуд. Чунон ки доктор Айэнсайд одатан мегуфт: «Агар ин нав аст, ҳақиқӣ нест, ва агар ҳақиқист, нав нест».

**2,25** Дар таълимоти масеҳӣ сокин буда, мо ҳақиқӣ будани имони худро тасдиқ мекунем. Ва *ваъдаи* ин имон *ҳаёти абадист.* Худованд Исоро қабул карда, мо ҳаёти шахсии Ӯро мегирем, *ҳаёти абадиро,* ва ин ҳаёт ба мо имкон медиҳад, то ҳамаи таълимотҳои нав ва шубҳанокро тафтиш намоем.

**2,26-27** Ҳамин тариқ, Юҳанно дар Номаи худ имондорони ҷавонро оид ба муаллимони дурӯғин огоҳ мекард. Ӯ аз оқибатҳои имконпазир тамоман хавф надорад, ва дар хотир дорад, ки хонандагони вай аз Худованд Исо *тадҳин* ёфтаанд. Чунон ки пештар зикр шуд, *тадҳин* Рӯҳулқудс аст, ва ин ҷо мо мефаҳмем,

ки Рӯҳулқудс *дар шумо сокин аст.* Ин баёноти тасдиқкунандаест, ки Рӯҳулқудсе ки мо гирифтаем, ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад. Мо Рӯҳулқудсро гирифтаем ва *эҳтиёҷе* надорем, *ки касе* моро *таълим диҳад.* Ин маънои онро надорад, ки ба мо дар Калисо муаллимҳои масеҳӣ даркор нестанд. Худо ба таври муайян дар Эфесусиён 4,11 ин гуна муаллимонро пешбинӣ намудааст. Ин маънои онро дорад, ки масеҳӣ ба ҳеҷ таълимоти дигаре, ғайр аз он чи дар Каломи Худо ҳамчун ҳақиқати Худо баён шудааст, эҳтиёҷ надорад. Гностикҳо изҳор мекарданд, ки ба онҳо ҳақиқати иловагӣ дода шудааст, аммо Юҳанно ин ҷо мегӯяд, ки ба ҳақиқати иловагӣ ҳеҷ эҳтиёҷе нест. Бо Каломи Худо дар даст ва Рӯҳулқудс дар дилҳо мо ҳама чизро барои панд гирифтан дар ҳақиқати Худо дорем.

**2,28** Юҳанно ба ҳамаи *фарзандони* дӯстдошта дар оилаи Худо муроҷиат мекунад ва даъват менамояд дар Ӯ чунон бимонанд, *«то ки ҳангоми зоҳир шудани Ӯ мо ҷуръат дошта бошем ва ба ҳузури Ӯ дар вақти омадани Ӯ шарманда нашавем».* Ин ҷо калимаи «мо» ба расулон дахл дорад. Юҳанно таълим медиҳад, ки агар масеҳиёне ки вай барояшон менавишт, ба Худованд содиқ намонанд, он гоҳ расулоне ки онҳоро ба назди Масеҳ овардаанд, *дар вақти омадани* Масеҳ *шарманда* мешаванд. Ин оят аҳамияти парастории минбаъдаро дар ҳамаи шароитҳои мавъизаи Хушхабар таъкид менамояд. Вай инчунин имконияти шармсориро ҳангоми омадани Масеҳ дар назар дорад.

## VI. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД (ДАВОМ): РОСТКОРӢ ВА МУҲАББАТ, КИ ДИЛПУРИРО МЕДИҲАНД (2,29–3,24)

**2,29** Нишонаи фарқкунандаи сеюми оила росткорист. Мо медонем, ки дар олами табиӣ ҳамонанд ҳамонанди худро ба дунё меоварад. Дар олами рӯҳонӣ низ айнан ҳамин тавр аст. *ҳар кӣ ростиро ба амал меоварад, аз* Худо *таваллуд ёфтааст.* Худо росткор аст, ва ҳар он чи Ӯ мекунад, росткорона аст, аз ин сабаб ҳар кӣ аз Ӯ зода шудааст, росткор аст. Мантиқи раднопазири Юҳанно ҳамин аст.

**3,1** Фикр оид ба аз Худо зода шудан Юҳанноро фаро мегирад, вай худаш аз он ҳайрон мешавад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, то ба *муҳаббати* олидараҷае ки моро ба оилаи *Худо* овардааст, назар андозем. *Муҳаббат* моро *фарзандони Худо* нагардонда, наҷот дода метавонист. Аммо Худо моро ба оилаи Худ ҳамчун *фарзандон* дохил карда, нишон дод, ки ба мо *чӣ гуна муҳаббатеро* дорад. *«Бубинед, ки Падар ба мо чӣ гуна муҳаббате ато намудааст, то ки мо фарзандони Худо номида шавем».*

Акнун ки мо рӯз аз рӯз дар замин қадам мезанем, *ҷаҳон* моро ҳамчун фарзандони Худо эътироф намекунад. Одамони ҷаҳон на моро мефаҳманд, на роҳи мерафтаамонро. Амалан ҷаҳон Худованд Исоро низ, ҳангоми дар рӯи замин буданаш, намефаҳмид. «Ӯ дар ҷаҳон буд, ва ҷаҳон ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад, ва ҷаҳон Ӯро нашинохт. Ӯ назди мансубони Худ омад, ва мансубонаш Ӯро қабул накарданд» (Юҳ. 1,10.11). Мо худи ҳамон нишонаҳои хосеро дорем, ки Худованд Исо дорост, пас, наметавонем интизори он бошем, ки ҷаҳон моро мефаҳмад.

**3,2** Аммо моро фаҳмиданд ё не, *акнун фарзандони Худо ҳастем,* ва ин кафолати ҷалоли оянда аст. *Ҳанӯз маълум нашудааст он чи мешавем. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шудани* Масеҳ *монанди Ӯ мешавем, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, мебинем.* Ин маънои онро надорад, ки мо дар осмонҳо ҷисман ба Исо монанд мешавем. Худованд Исо намуди зоҳирии муайяни Худро хоҳад дошт ва пайҳои ҷароҳатҳои Ҷолҷолто дар ҳама ҷо ҷовидона бо Ӯ хоҳанд буд. Мо бовар мекунем, ки ҳар кас нишонаҳои фарқкунандаи худро дошта, шинохташаванда хоҳад буд. Навиштаи Муқаддас таълим намедиҳанд ки дар осмонҳо ҳама як намуд хоҳанд дошт. Аммо ахлоқан мо ба Исои Масеҳ монанд хоҳем буд. Мо аз нопокшавӣ, гуноҳ, беморӣ, ғам ва марг озод хоҳем буд.

Ин тағйироти ҳайратовар чӣ гуна ба амал меояд? Ҷавоб чунин аст: як нигоҳ ба Масеҳ барои тағйир ёфтан кифоя аст. *Зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, мебинем.* Дар рӯи замин зиста, Масеҳро бо имон дар Сухани Худо мушоҳида намуда, мо дар раванди ба даст овардани шабоҳат ба Ӯ ҳастем. Аммо ин раванд ҳамон вақт пурра ба анҷом мерасад, ки мо *Ӯро, чунон ки*

*ҳаст, мебинем,* чунки дидани Ӯ ба Ӯ *монанд* будан аст.

**3,3** *Ва ҳар ки умеди* мушоҳида намудани Масеҳ ва *монанди Ӯ* буданро *дорад, худро пок менамояд, чунон ки Ӯ пок аст.* Масеҳиён кайҳо эътироф намудаанд, ки умеди бозгашти ҳатмии Масеҳ ба ҳаёти имондор таъсири поккунанда мерасонад. Вай он чиро, ки ҳангоми омадани Масеҳ кардан намехост, намекунад. Диққат диҳед, ки дар ин ҷо чунин гуфта мешавад: *«худро пок менамояд, чунон ки Ӯ (Масеҳ) пок аст».* Ин ҷо гуфта нашудааст, ки «чунон ки Ӯ (Масеҳ) Худро пок мекунад». Худованд Исо ҳеҷ гоҳ эҳтиёҷе ба пок кардани Худ надошт; Ӯ пок аст. Барои мо ин раванди доимист, барои Ӯ факт аст.

**3,4** Дар ояти 4 баръакси пок карданро пайдо мекунем: *«Ҳар кӣ гуноҳ мекунад, шариатро мешиканад, ва гуноҳ шикастани шариат аст».* Калимаи *мекунад* (юн. «поиео»), ки бо феъли замони ҳозираи давомдор ифода ёфтааст, амали муттасилро ифода мекунад. Ҳатто агар ягон хел қонун набошад ҳам, гуноҳ кардан имкон дорад. Гуноҳ дар ҷаҳон дар замони Одам ва Мусо буд, он то дода шудани шариати Худо амал мекард. Ҳамин тариқ, *«гуноҳ шикастани шариат аст»* гуфтан на ба қадри кофӣ аниқ аст. Бешариатӣ гуноҳ аст. Ба Худо касе итоат намекунад, ки бо роҳҳои худ рафтан мехоҳад ва Худовандро Ҳокими қонунӣ эътироф кардан намехоҳад. Моҳиятан ин маънои онро дорад, ки вай хости худро аз хости Худо болотар мегузорад. Ин мухолифат бо Худои зинда аст, ки ҳақ дорад итоат ба Ӯро талаб кунад.

**3,5** Масеҳӣ гуноҳ карда наметавонад – вагарна ин пурра инкор кардани мақсадест, ки Худованд Исо барои он ба замин омад. *Ӯ барои бардоштани гуноҳҳои мо зоҳир шуд.* Гуноҳ карданро давом додан – мақсади таҷассуми Ӯро пурра сарфи назар карда зистан аст.

Масеҳӣ гуноҳ карданро давом дода наметавонад – охир, вай бо ин кор Масеҳро (ки вай ба номи Ӯ масеҳӣ номида шудааст), рад мекунад. *Дар Ӯ гуноҳе нест.* Ин яке аз се ҷойи асосии Инҷил аст, ки оид ба табиати бегуноҳи Худованд Исои Масеҳ гуфта мешавад. Петрус ба мо хабар медиҳад, ки «Ӯ ҳеҷ гуноҳе накардааст» (1Пет. 1,22). Павлус мегӯяд: «Ӯ аз гуноҳ бехабар буд» (2Қур. 5,21). Акнун Юҳанно, шогирде ки Худовандро махсусан аз наздик мешинохт, барои исботи ин суханони худро илова мекунад: «Дар Ӯ гуноҳе нест».

**3,6** *Ҳар кӣ дар Ӯ монад, гуноҳ намекунад; ҳар кӣ гуноҳ мекунад, Ӯро надидааст ва Ӯро нашинохтааст.* Ин оят имондори ҳақиқиро ба шахсе муқобил мегузорад, ки ҳеҷ гоҳ аз нав зода нашуда буд. Аниқ гуфтан мумкин аст: имондори ҳақиқӣ он аст, ки дигар пайваста гуноҳ намекунад. Ин ҷо Юҳанно на дар бораи гуноҳҳои алоҳида, балки аниқтараш оид ба рафтори давомнок, одатӣ, хос сухан меронад. Ин оят дар назар надорад, ки масеҳии гуноҳкунанда наҷотро аз даст медиҳад. Аниқтараш, ин ҷо гуфта мешавад, ки шахсе ки доимо гуноҳ мекунад, ҳеҷ гоҳ аз нав зода нашуда буд.

Табиист, ки саволе пайдо мешавад: «Кай гуноҳ одатӣ мешавад? Шахс чӣ қадар бояд гуноҳ кунад, то гуноҳ қоидаи рафтори вай шавад?» Юҳанно ба ин савол ҷавоб намедиҳад. Вай мехоҳад, ки ҳар як имондор ҳушёр бошад, ва бори исботкуниро ба зиммаи худи масеҳӣ вогузор мекунад.

**3,7** Гностикҳо даъвои онро мекарданд, ки донишҳои махсус доранд, аммо дар ҳаёти шахсӣ мусоҳилакор буданд. Бинобар ин Юҳанно илова мекунад: *«Эй фарзандон! Бигзор шуморо ҳеҷ кас фирефта накунад. Касе ки ростиро ба амал меоварад, вай росткор аст, чунон ки Ӯ росткор аст».* Дар ин масъала ҳеҷ гуна бетартибӣ набояд бошад – одам наметавонад ҳаёти рӯҳонӣ дошта, дар гуноҳ зистанро давом диҳад. Бештар аз ин, одам танҳо дар ҳолати дорои табиати Масеҳ будан аз рӯи ростӣ рафтор намуда метавонад, Исо бошад росткор аст.

**3,8** Баъзе кӯдакон ба волидони худ чунон монанданд, ки онҳоро дар байни тӯдаи мардум нашинохтан имкон надорад. Ин ҳам барои фарзандони Худо ва ҳам барои фарзандони иблис ҳақиқат аст. *Касе ки гуноҳ мекунад, аз иблис аст, чунки иблис аз ибтидо гуноҳ мекунад.* Ин ҷо чунин фикр ҳаст: «Ҳақ касе ки доимо гуноҳ мекунад, аз иблис аст». Иблис аз ибтидо гуноҳ мекард (амали муттасили хос), яъне аз бори аввал, ки вай гуноҳ кард. Ҳамаи фарзандони вай бо ин роҳи васеъ аз пайи вай мераванд. Ин ҷо бояд илова намуд, ки одамон ба воситаи зодашавии нав фарзандони Худо мешаванд, аммо фарзандони иблис ҳеҷ гуна зодашавӣ надоранд. Одамон танҳо ба рафтори вай тақлид намуда, фарзандони иблис

мешаванд, аммо ҳеҷ кас чун фарзанди иблис зода намешавад.

Баръакси ин Худованд Исо барои он омад, ки *амалҳои иблисро вайрон кунад.* Худо метавонист иблисро бо як сухан нобуд кунад, аммо ба ҷои ин Ӯ ба ҷаҳон омад, то азоб кашад, хунашро резад ва мурад, то ки *амалҳои иблисро* бетаъсир гардонад. Агар бартараф намудани гуноҳ аз Наҷоткор чунон нархи азимро талаб карда бошад, пас, рафтори онҳое ки ба Ӯ чун ба Наҷоткор имон доранд, бояд чӣ гуна бошад?

**3,9** Дар ояти додашуда фикре такрор мешавад, ки ҳар кӣ аз Худо зода шудааст, наметавонад гуноҳ кунад. Баъзе илоҳиётшиносон фикр мекунанд, ки дар ин оят оид ба табиати нави имондор гуфта мешавад: табиати кӯҳна гуноҳ карда метавонад, аммо табиати нав – наметавонад. Аммо мо чунин меҳисобем, ки ин ҷо расул боз ҳам одами аз нав зодашуда ва аз нав зоданашударо ба ҳам муқобил мегузорад ва дар бораи рафтори доимӣ ё одатӣ сухан меронад. Имондорон одати гуноҳ кардан надоранд. Вай дидаву дониста ва доимо гуноҳ намекунад.

Сабаб дар он аст, ки *тухми Ӯ дар вай мемонад.* Илоҳиётшиносон дар тафсири маънои ин суханон ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки *тухми Ӯ* ба табиати нав дахл дорад, дигарон фикр мекунанд, ки ба Рӯҳулқудс, сеюмиҳо – ба Каломи Худо. Ҳақ ба ҷониби ҳамаи онҳост, ва аз ҳамин сабаб тафсирҳои дурусти ин суханон мебошанд. Мо чунин меҳисобем, ки *тухми Ӯ* ба ҳаёти нав дахл дорад, ки ба имондор дар лаҳзаи имон овардагаш ато карда мешавад. Он гоҳ дар ин гуфтаҳо сухан дар бораи ҳаёти илоҳӣ меравад, ки дар имондор мемонад. Ӯ дар бехатарии абадист. Ин бехатарӣ барои масеҳӣ ҳамчун василаи худсафедкунӣ, ки барои рафта гуноҳ кардан имкон диҳад, хизмат намекунад. Аниқтараш, бехатарии абадии вай кафолат медиҳад, ки вай гуноҳ карданро давом намедиҳад. *Вай* монанди пештара *гуноҳ намекунад, чунки аз Худо таваллуд ёфтааст.* Ин муносибатҳои илоҳӣ имконияти гуноҳро ҳамчун тарзи зиндагӣ бартараф мекунанд.

**3,10а** Ва низ фарқи чоруми *фарзандони Худо* аз *фарзандони иблис* ҳаст. Ҳар кӣ *ростиро ба амал намеоварад, аз Худо нест.* Ҳеҷ гуна ҳолати мобайнӣ нест. Ягон касе нест, ки ҳам ин гуна ва ҳам он гуна рафтор кунад. Фарзандони Худо бо ҳаёти росторонаи худ маълуманд.

**3,10б-11** Дар ин порча сухан боз дар бораи тести тафтишӣ барои онҳое меравад, ки дар оилаи Худо мебошанд, – тафтиши *дӯст доштан.* Аввали он дар 2,7-17 дода шудааст. Аз рӯзҳои аввали пайдоиши масеҳият маълум аст, ки *дӯст доштани* бародарон вазифаи илоҳист. *Дӯст доштан* ин ҷо на муносибати дӯстона ё дилбастагии одии инсониро, балки *муҳаббати* илоҳиро ифода мекунад. Мо бояд дигаронро ҳамон тавре дӯст дорем, ки Масеҳ моро дӯст дошт. Дар асл бо қувваи худ ин гуна муҳаббатро зоҳир намудан ғайриимкон аст; танҳо қувваи Рӯҳулқудс қувваи ин тавр дӯст доштанро медиҳад.

**3,12** Юҳанно ба мавриди якуми тасвиршуда бармегардад – дӯст надоштани бародари худ. *Қобил* нишон дод, ки *аз иблис буд ва бародари худ* Ҳобилро *кушт.* Сабаби асосии куштор дар калимаҳои зерин ифода ёфтааст: *«корҳои худаш бад буданд, вале корҳои бародараш – росткорона».*

**3,13** Принсипи асосии ҳаёти инсон дар он аст, ки бадӣ росткориро чашми дидан надорад, ва ин сабаби онро мефаҳмонад, ки чаро *ҷаҳон аз* имондор *нафрат мекунад.* Ҳаёти росткоронаи масеҳӣ бо бадахлоқии беимон тазоди сахт дорад. Беимон фошкуниро бад мебинад ва ба ҷои он ки рафтори гуноҳкоронаи худро тағйир диҳад, кӯшиш мекунад шахсеро, ки бо ҳаёти худ ӯро мазаммат мекунад, нобуд кунад. Ин оқилона нест, монанди он ки агар шахс хаткашакро, ки каҷ будани хати кашидаи ӯро нишон медиҳад, нобуд кунад.

**3,14** *Мо медонем, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаем, чунки бародаронро дӯст медорем.* Чӣ хуш, ки шахси наҷотёфта ба масеҳиён комилан дигар муносибат мекунад. Ин яке аз роҳҳоест, ки вай ба воситаи он боварӣ ба наҷотро ба даст меорад. Шахсе ки фарзанди ҳақиқии Худоро дӯст намедорад, худро масеҳӣ номида метавонад, аммо Навиштаи Муқаддас мегӯянд, ки ӯ *дар марг сокин аст.* Вай ҳамеша рӯҳан мурда буд ва ҳамин гуна боқӣ мемонад.

**3,15** Нафрат дар чашми ҷаҳон бадии на он қадар калон аст, аммо Худо нафраткунандаро одамкуш меномад. Ҳамин ки андаке фикр кунем, мефаҳмем, ки ин нафрат кушторест дар ҷанин. Сабаб ҳаст, агарчи куштор, шояд,

амалӣ гардонда намешавад. Ҳамин тариқ, *ҳар кӣ аз бародари худ нафрат дорад, одамкуш аст.* Ҳангоме Юҳанно мегӯяд, ки *ҳеҷ як одамкуш ҳаёти абадие надорад, ки дар вай сокин бошад,* вай дар назар надорад, ки одамкуш наҷот ёфта наметавонад. Вай танҳо дар назар дорад, ки шахсе ки рӯйрост аз бародарони худ нафрат дорад, одамкуши эҳтимолӣ буда, наҷот наёфтааст.

**3,16** Худованди мо Исо ба мо намунаи олитарини муҳаббатро зоҳир кард, вақте *ҷони Худро барои мо фидо кард.* Ин ҷо Масеҳ ба Қобил муқобил гузошта мешавад. Ӯ ба мо муҳаббатро дар зоҳиршавии олитаринаш нишон дод. Дар маънои муайян муҳаббат диданашаванда аст, аммо мо метавонем таъсири муҳаббатро бинем. Дар салиби Ҷолҷолто мо муҳаббатро мебинем, муҳаббатро дар амал. Юҳанно аз ин барои мо хулосае мебарорад: *мо ҳам бояд ҷонҳои худро барои бародарон фидо кунем.* Ин маънои онро дорад, ки мо бояд муттасил ҳаёти худро барои бародарони худ диҳем ва омода бошем, ки агар ин зарур шавад, баҳри онҳо бимирем. Ба бисёрии мо ҳеҷ гоҳ лозим намеояд, то барои дигарон бимирем, аммо ҳамаи мо неъматҳои моддиро ҳамроҳи муҳтоҷон бо ҳам дида, муҳаббати бародарона зоҳир карда метавонем. Расул дар ояти 17 маҳз ҳаминро таъкид мекунад.

**3,17** Ояти 16 зиёдтарин чизеро, ки мо барои бародаронамон карда метавонем, нишон медиҳад, аммо ояти 17 оид ба чизи камтарин мегӯяд. Юҳанно ба таври возеҳ гуфт, ки касе *бародари худро муҳтоҷ дида,* қонеъ намудани эҳтиёҷоти ӯро зарур намеҳисобад ва ба ӯ дасти ёрӣ дароз намекунад, масеҳӣ нест. Ин ёрии бефарқро сафед намекунад, чунки барои харидани чизи зарарнок пул дода, ба ӯ зарар расонидан мумкин аст. Аммо оят ба масъалаҳои ҳаётан муҳим оид ба сарватғундории масеҳиён дахл мекунад.

**3,18** Мо бояд *на бо сухан ва забон, балки* пеш аз ҳама *бо амал ва ростӣ дӯст дорем.* Дигар хел карда гӯем, гап на танҳо дар суханони меҳрубонона, балки бештар дар он аст, ки дар айни ҳол набояд дурӯғ гуфт. Муҳаббатро дар корҳои мушаххаси раҳмдилӣ ифода кардан лозим аст, он бояд ҳақиқӣ бошад, на бардурӯғ.

**3,19** Ба бародаронамон муҳаббати ҳақиқӣ ва амалиро зоҳир намуда, хоҳем донист, ки *мо аз ростӣ ҳастем,* ва ҳангоме ки ба *ҳузури Ӯ* дар дуо меистем, ин чиз *дилҳои моро ором мекунад.*

**3,20** *Дар ҳар чизе ки дил моро маҳкум менамояд, чунки Худо аз дили мо бузургтар аст ва ҳар чизро медонад.* Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки муносибати мо ба Худо дар дуо чӣ гуна аст. Ин оятро ду хел фаҳмидан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, агар *дил моро маҳкум менамуда бошад, Худо аз дили мо бузургтар аст* ба он маъное ки ҳамдардии Ӯ *бузургтар* аст. Ҳангоме ки дар мо ҳисси қавии беарзишӣ, дарки нолоиқии худ пайдо мешавад, бо вуҷуди ин, Худо медонад, ки мо Ӯро ва халқи Ӯро дӯст медорем. Ӯ медонад, ки бо вуҷуди ҳамаи нобарориҳо ва гуноҳҳоямон мо ба Ӯ тааллуқ дорем.

Нуқтаи назари дигар чунин аст: агар *дил моро маҳкум менамояд, Худо* дар масъалаи маҳкум кардан *аз дили мо бузургтар аст.* Дониши мо оид ба гуноҳҳоямон маҳдуд аст, аммо Худо дар бораи онҳо комилан ҳама чизро *медонад.* Худо ҳама бадии дар мо бударо медонад, дар ҳоле ки мо онро қисман медонем. Мо ба нуқтаи назари охир моил ҳастем, агарчи ҳар дуи онҳо дурустанд, яъне имконпазиранд.

**3,21** Ин ҷо ба Худо чӣ гуна муносибат доштани касе нишон дода шудааст, ки виҷдонаш дар назди Худо пок аст. Гап на дар он аст, ки ин шахс бегуноҳона мезист, балки аниқтараш, дар он аст, ки гуноҳҳои худро дарҳол эътироф ва тарк намояд. Чунин рафтор намуда, вай дар назди *Худо ҷуръат* ва дар дуо далерӣ *дорад.* Ҳамин тариқ, *агар дили мо моро маҳкум накунад, мо назди Худо ҷуръат дорем.*

**3,22** *Ва ҳар чи хоҳиш кунем, аз Ӯ меёбем, чунки фармудаҳои Ӯро риоя мекунем ва он чи пеши Ӯ писандида аст, ба амал меоварем. Фармудаҳои Ӯро риоя* кардан – яъне дар Ӯ сокин будан, дар наздикии ҳаётан зарур бо Наҷоткор зистан аст. Ҳангоме ки мо ҳамин тавр дар мушоракат бо Ӯ ҳастем, хости Ӯ хости худи мо мешавад. Ба воситаи Рӯҳулқудс вай моро бо донистани хости Худ пур мекунад. Дар ин ҳолат мо чизи ба хости Худо мухолифро наметалабем. Ҳангоме ки мо мувофиқи хости Ӯ металабем, *ҳар чи хоҳиш кунем, аз Ӯ меёбем.*

**3,23** *Фармудаи* Худо *ин аст, ки мо ба номи Писари Ӯ Исои Масеҳ имон оварем ва якдигарро дӯст дорем, чунон ки Ӯ фармудааст.*

Ба ақидаи мо, ин порча тамоми фармудаҳои Аҳди Навро ҷамъбаст мекунад. Дар он оид ба вазифаи мо дар назди Худо ва бародарони масеҳиямон гуфта мешавад. Вазифаи аввалини мо ба Худованд Исои Масеҳ боварӣ кардан аст. Имони ҳақиқӣ дар рафтори дуруст ифода меёбад, пас, мо бояд *якдигарро дӯст дорем.* Ин шаҳодати имони наҷотдиҳанда аст.

Диққат диҳед, ки Юҳанно дар ин ва дар дигар оятҳо ҷонишини «Ӯ»-ро истифода мебарад, ки ҳам ба Худо Падар ва ҳам ба Худованд Исои Масеҳ дахл доранд, ва маънидод намекунад, ки ин ҷонишинҳо ба кадоме аз онҳо дахл доранд. Юҳанно чунин навишта метавонад, зеро Писар ҳамон гуна Худои ҳақиқист, чунон ки Падар, ва гуноҳе нест, агар дар бораи онҳо чунин сухан меронанд.

**3,24а** Қисми аввали ояти 24 мавзуи муҳаббатро чун санҷише барои фарзандони Худо ба анҷом мерасонад: *ва касе ки фармудаҳои Ӯро нигоҳ медорад, дар Ӯ сокин аст, ва Ӯ дар вай.* Ба Ӯ итоат намудан – яъне дар Ӯ сокин будан аст, ва онҳое ки дар Ӯ сокинанд, ба ҳузури доимии Ӯ боварӣ доранд.

**3,24б** *Ва аз ин медонем, ки Ӯ дар мо сокин аст, яъне аз он Рӯҳе ки Ӯ ба мо додааст.* Мо дилпур буда метавонем, ва ин ҷо ин тасдиқ карда мешавад, ки кафолати дар мо сокин будани Худо ба воситаи Рӯҳулқудс меояд. Ҳамаи имондорон Рӯҳулқудсро доранд. Ӯ Ҳамонест, ки имондоронро сӯи ҳақиқат мебарад ва ба онҳо имконияти фарқ кунонидани иштибоҳро медиҳад.

## VII. ЭҲТИЁҶИ ФАРҚ КУНОНИДАНИ ҲАҚИҚАТ ВА ИШТИБОҲ (4,1-6)

**4,1** Зикри Рӯҳулқудс ба Юҳанно ёдрас мекунад, ки имрӯзҳо дар ин ҷаҳон рӯҳҳои дигар ҳастанд, ки фарзандони Худоро оид ба онҳо огоҳӣ додан лозим аст. Ин ҷо вай имондоронро огоҳ мекунад, ки *ба ҳар рӯҳ эътимод накунанд.* Калимаи *«рӯҳ»* пеш аз ҳама ба муаллимон дахл дорад, аммо на танҳо маҳз ба онҳо. Агар шахс дар бораи Навиштаи Муқаддас, Худо ва Масеҳ сухан гӯяд, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки вай фарзанди ҳақиқии Худост. Мо бояд *рӯҳҳоро имтиҳон кунем, ки оё аз Худо ҳастанд, чунки бисёр пайғамбарони дурӯғин ба сар то сари дунё рафтаанд.* Онҳо мегӯянд, ки масеҳиятро қабул кардаанд, аммо умуман Хушхабари дигарро таълим медиҳанд.

**4,2** Юҳанно барои имтиҳон кардани одамон меъёрҳои амалие пешниҳод мекунад. Муаллимро бо чунин савол имтиҳон кардан мумкин аст: «Шумо дар бораи Масеҳ чӣ фикр доред?» *Ҳар рӯҳе ки Исои Масеҳи дар ҷисм омадаро эътироф кунад, аз Худост.* Ин на танҳо эътирофи он ҳақиқати таърихист, ки Исо ба ҷаҳон дар бадани одамӣ зода шуда буд, балки, аниқтараш, эътирофи он аст, ки Шахсияти зинда, *Исои Масеҳ, дар ҷисм омад.* Ин гуна эътироф Исоро ҳамчун *Масеҳи* таҷассумшуда тасдиқ мекунад ва дар бораи таъзим намудан дар назди Ӯ ҳамчун дар назди Худованди ҳаёти мо мегӯяд. Чун мешунавед, ки шахс оид ба Худованд Исо ҳамчун Масеҳи ҳақиқии Худо шаҳодат медиҳад, хоҳед донист, ки вай аз Рӯҳи Худо сухан меронад. Рӯҳи Худо одамонро даъват менамояд, то Исои Масеҳро ҳамчун Худованд эътироф намоянд ва ҳаёти худро ба Ӯ боварӣ карда супоранд. Рӯҳулқудс ҳамеша Исоро ҷалол медиҳад.

**4,3** *Ва ҳар рӯҳе ки инкор кунад, ки Исои Масеҳ ба ҳасби ҷисм омад, аз Худо нест.*[4] Маҳз ҳамин тавр шумо метавонед муаллимони дурӯғинро ошкор намоед. Онҳо *Исои Масеҳро,* ки дар ояти пештара тасвир шуда буд, *инкор мекунанд.* Ин *рӯҳи зиддимасеҳ аст, ки* пайғамбарон *дар бораи он* гуфта буданд *ва он акнун дар ҷаҳон аст.* Имрӯзҳо бисёриҳо дар бораи Исо чизҳои қобили қабулро мегӯянд, аммо Ӯро ҳамчун Худои таҷассумёфта эътироф намекунанд. Онҳо мегӯянд, ки Масеҳ «илоҳӣ» аст, аммо намегӯянд, ки Ӯ Худи Худо аст.

**4,4** Имондорони фурӯтан метавонанд ин муаллимони дурӯғинро *мағлуб* кунанд, *зеро* дар худ Рӯҳулқудсро доранд, ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки иштибоҳро ошкор намоянд ва онҳоро гӯш накунанд.

**4,5** Муаллимони дурӯғин *аз ҷаҳон* мебошанд, ва *бинобар ин* сарчашмаи ҳар он чи онҳо мегӯянд, *дунявӣ* аст. *Ҷаҳон* ибтидои ҳамаи он чизҳоест, ки онҳо таълим медиҳанд, ва бинобар ин *ҷаҳон* ба онҳо гӯш меандозад. Ин ба мо онро ёдрас мекунад, ки таҳсини ҷаҳон наметавонад меъёри баҳодиҳии ҳақиқӣ будани таълимот бошад. Агар шахс майли шуҳрат ёфтан дошта бошад, вай бояд танҳо он чизеро гӯяд, ки ҷаҳон мегӯяд, аммо агар вай ба Худо

вафодор монданӣ бошад, ногузир ба мухолифати ҷаҳон рӯ ба рӯ мешавад.

**4,6** Дар ин оят Юҳанно ҳамчун намояндаи расулон сухан меронад: *«Мо аз Худо ҳастем, ҳар кӣ Худоро мешиносад, ба мо гӯш медиҳад»*. Ин чунин маъно дорад, ки ҳамаи ҳақиқатан аз Худо зодашудагон таълимоти расулонро, ки дар Инҷил баён шудааст, қабул мекунанд. Баръакс, онҳое ки аз Худо нестанд, аз шаҳодатҳои Инҷил даст мекашанд, ё кӯшиш мекунанд ба он чизе илова кунанд ё онро таҳриф кунанд.

## VIII. НИШОНАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОНҲОЕ КИ ДАР МУШОРАКАТИ МАСЕҲИЁНА ҲАСТАНД (ДАВОМ) (4,7–5,20)

### А. Муҳаббат (4,7-21)

**4,7-8** Ин ҷо Юҳанно мавзуи муҳаббати бародаронаро ҷамъбаст мекунад. Вай таъкид менамояд, ки *муҳаббат* вазифаест, ки бо табиати *Худо* мувофиқат мекунад. Чунон ки зикр шуда буд, Юҳанно на дар бораи муҳаббате фикр мекунад, ки дар байни одамон маъмул аст, балки дар бораи муҳаббати фарзандони Худо, ки аз олами боло зодашудагон доранд. *Муҳаббат* аз ҷиҳати пайдоиш *аз Худост, ва ҳар кӣ дӯст медорад, аз Худо таваллуд ёфтааст. Касе ки дӯст намедорад, Худоро нашинохтааст, чунки Худо муҳаббат аст.* Ин ҷо гуфта нашудааст, ки Худо дӯст медорад. Ин ҳақиқат аст, аммо Юҳанно таъкид мекунад, ки *Худо муҳаббат аст.* Муҳаббат табиати Ӯст. Ба ғайр аз муҳаббате ки сарчашмааш дар Ӯст, муҳаббати ҳақиқӣ нест. Суханони *«Худо муҳаббат аст»* сазовори онанд, ки ба тамоми забонҳои рӯи замин ва дар осмонҳо эълон карда шаванд.

Г. С. Барретт ин суханонро чунин меномад:

*Суханони бузургтарине ки замоне одам ба забон овардааст, суханони бузургтарин дар тамоми Навиштаи Муқаддас ... Ҳамаи маъноҳои ин суханонро ҳатто лаҳзае ба худ тасаввур кардан имкон надорад; чунки на идроки инсонӣ, на идроки суньӣ на ҳоло ва на ягон вақти дигар маънои дарнашавандаи онро фаҳмида наметавонад; аммо мо бо эҳтироми ҳаяҷоннок гуфта метавонем, ки ин суханон оид ба Худо калиде ба ҳамаи корҳо ва роҳҳои Худо ... ба сирри офариниш ... ба наҷот ... ва ба худи моҳияти Худо мебошанд.*[5]

**4,9-10** Дар оятҳои оянда зуҳуроти муҳаббати Худо дар се замон тасвир ёфтаанд. Дар гузашта он ба мо, гуноҳкорон, дар он зоҳир шуда буд, ки Ӯ *Писари ягонаи Худро* ато намуд (4,9-11). Дар замони ҳозира он ба мо, муқаддасон, дар он зоҳир мешавад, ки Ӯ дар мо сокин аст (4,12-16). Дар оянда он ба мо дар он зоҳир мешавад, ки Ӯ ба мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат медиҳад.

Худо муҳаббати Худро пеш аз ҳама ба мо, ҳамчун ба гуноҳкорон, зоҳир намуд. *Худо ба ҷаҳон Писари ягонаи Худро фиристод, то ки мо ба воситаи Ӯ наҷот ёбем.* Ӯ Писари Худро *барои кафорати*[6] *гуноҳҳои мо* фиристод. Мо мурда ва муҳтоҷи ҳаёт будем, мо айбдор ва муҳтоҷи *кафорат* будем. Ибораи *«Писари ягонаи Худро»* идеяи муносибатҳои махсусеро дорад, ки ягон писари дигар дар он шарик буда наметавонист. Ин муносибатҳо муҳаббати Худоро чунон олидараҷа мегардонанд, ки Ӯ *Писари* ягонаи *Худро* ба ҷаҳон мефиристад, то ки мо ба воситаи Ӯ зиста тавонем.

Муҳаббати Худо ба мо на барои он ошкор шуд, ки аввал *мо* Ӯро *дӯст доштем.* Баръакс; дар асл мо душманони Ӯ будем ва аз Ӯ нафрат доштем. Дигар хел карда гӯем, Ӯ моро на барои он ки Ӯро дӯст медоштем, балки бар хилофи мухолифати шадиди мо дӯст медошт. Ва Ӯ муҳаббати Худро чӣ гуна зоҳир намуд? *Писари* Худро *барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод. Кафорат* дар ин ҷо маънои қаноат кунонидан, ё ҳал намудани масъалаи гуноҳро дорад.

Баъзе либералҳо дар бораи муҳаббати Худо аз қурбонии наҷотдиҳандаи Масеҳ ҷудо муҳокимаронӣ карданро дӯст медоранд. Дар ҳамин ҷо Юҳанно ин ду падидаро муттаҳид карда, дар онҳо ягон хел зиддиятро намебинад.

Деннӣ шарҳ медиҳад:

*Ба парадокси ҳайратовари ин оят диққат диҳед, ки Худо дар як вақт ҳам дӯст медорад ва ҳам ба хашм меояд ва муҳаббати Ӯ кафоратро пешбинӣ мекунад, ки ғазаби Ӯ бар зидди моро бартараф мекунад. Ба ҷои ҷустани мухолифат дар байни муҳаббат ва кафорат расул ба ғайр аз идеяи кафорат ягон идеяи дигари муҳаббат ба касеро пешниҳод намекунад.*[7]

**4,11** Акнун Юҳанно моро водор мекунад, то дар бораи дарси ибрате ки ин муҳаббати бепоён медиҳад, фикр кунем. *«Агар Худо моро ин гуна дӯст дошта бошад, мо низ бояд якдигарро дӯст бидорем»*. Ин ҷо калимаи *агар* маънои шубҳаро надорад, он ба маънои «азбаски» истифода мешавад. Азбаски Худо муҳаббати Худро ба онҳое ки акнун фарзандони Ӯ ҳастанд, фурӯ рехтааст, пас, мо низ *бояд* онҳоеро *дӯст дорем*, ки ҳамроҳи мо ба оилаи муборакi Ӯ дохиланд.

**4,12-13** Дар замони ҳозира муҳаббати Худо ба мо дар он зоҳир мегардад, ки он дар мо сокин аст. Расул мегӯяд: *«Худоро ҳаргиз касе надидааст: агар мо якдигарро дӯст дорем, Худо дар мо сокин аст ва муҳаббати Ӯ дар мо комил аст»*. Дар Юҳанно 1,18 мехонем: «Худоро ҳаргиз касе надидааст; Писари ягонае ки дар оғӯши Падар аст, Ӯро зоҳир кард». Дар Инҷили Юҳанно мо мебинем, ки Худои ноаён Худро ба ҷаҳон ба воситаи Исои Масеҳ аён намуд. Суханони *«Худоро ҳаргиз касе надидааст»* дар Номаи Юҳанно такрор мешаванд. Аммо акнун Худо Худро ба ҷаҳон на ба воситаи Масеҳ аён мекунад, чунки Ӯ ба осмон баргашт ва акнун дар тарафи рости Худо нишастааст. Ҳозир Худо Худро ба ҷаҳон ба воситаи имондорон зоҳир менамояд. Одамон Худоро дидан мехоҳанд, ва чӣ хуш аст, ки мо ба ин эҳтиёҷ ҷавоби Худо хоҳем буд! Ва ҳангоме ки якдигарро дӯст медорем, *муҳаббати Ӯ дар мо комил аст,* яъне муҳаббати Худо ба мо ба ҳадаф расидааст. Мо на барои он зиндагӣ мекунем, ки пункти охирини баракатҳои Худо бошем, балки танҳо каналҳои он бошем. Муҳаббати Худо ба мо на барои он дода шудааст, ки ба худ ғун кунем, балки барои он дода шудааст, ки ба воситаи мо ба дигарон ҷорӣ шавад. Муҳаббат ба якдигар исботи он аст, ки *мо дар Ӯ сокин ҳастем ва Ӯ дар мо,* ва мо шарикони *Рӯҳи Ӯ* ҳастем. Тасаввур кунед, чӣ қадар олист, ки Ӯ дар мо сокин аст ва мо дар Ӯ!

**4,14** Акнун Юҳанно шаҳодати гурӯҳи расулонро ҳамроҳ мекунад: *«Ва мо дидаем ва шаҳодат медиҳем, ки Падар Писарро фиристод, то ки Наҷотдиҳандаи ҷаҳон гардад»*. Ин эъломияи бузурги муҳаббати Худо дар амал аст. Суханони *«Падар Писарро фиристод»* имкониятҳои номаҳдуди амали Масеҳро тасвир мекунанд. В. Е. Вайн навишта буд, ки *«имкониятҳои хизмати Ӯ ба андозаи одамдӯстияш беҳудуд буданд, ва танҳо тавбанопазирӣ ва беимонии одамон онҳоро то ба андозаи натиҷаи амалӣ маҳдуд карданд»*.[8]

**4,15** Баракате ки бо ҳузури Худи *Худо* ҳамроҳ аст, имтиёзи ҳамаи онҳоест, ки *Писари Худо* будани Исоро эътироф мекунанд. Боз ҳам, ин на эътироф чун натиҷаи идрок аст, балки эътирофи садоқати худ ба Худованд Исои Масеҳ аст. Муносибате наздиктар аз он нест, ки одам дар *Худо* ва *Худо* дар одам сокин бошад. Ин гуна муносибатҳоро аёнан тасаввур кардани мо душвор аст, аммо мо метавонистем онро бо оташгирак дар оташ, исфанҷ дар об ва ё кураи ҳавоӣ дар ҳаво монанд кунем. Дар ҳар як ҳолат объект дар муҳит аст, ва муҳит дар объект аст.

**4,16** *Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он боварӣ мекунем. Худо муҳаббат аст ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст, вай дар Худо сокин аст, ва Худо дар вай. Худо муҳаббат аст,* ва ин муҳаббат бояд объектро ёбад. Объекти махсуси муҳаббати Худо – гурӯҳи онҳоест, ки барои оилаи Худо зода шудаанд. Агар бо Худо дар мушоракат будани ман лозим бошад, пас, ман бояд онҳоеро, ки Ӯ дӯст медоранд, низ дӯст дорам.

**4,17** *Муҳаббат дар мо чунон ба камол расидааст.* На муҳаббати мо ба камол расидааст, балки муҳаббати Худо дар мо ба камол расидааст. Акнун Юҳанно ҳамроҳи мо ба оянда, ба вақте ки мо назди Худованд хоҳем истод, назар меандозад. Оё мо бо *ҷуръат* ва боварӣ хоҳем истод ё аз даҳшат худро ба дарун мекашем? Ҷавоб чунин аст; мо *ҷуръат* ва боварӣ хоҳем дошт, чунки муҳаббати комили Худо масъалаи гуноҳро барои ҳамеша ҳал кардааст. Сабаби боварии мо ба рӯзи оянда дар ин суханон ифода ёфтааст: *«... зеро чунон ки Ӯ ҳаст, ончунон мо низ дар ин ҷаҳон ҳастем»*. Дар замони ҳозира Худованд Исо дар осмон нишастааст, ва доварӣ пурра ба гузашта тааллуқ дорад. Вай боре ба ҷаҳон омад ва азоб ва ҷазоеро, ки мо барои гуноҳҳоямон сазовор будем, аз сар гузаронд. Аммо Ӯ амали наҷотро ба ҷо овард, ва масъалаи гуноҳ дигар ҳеҷ гоҳ бардошта намешавад. *Чунон ки Ӯ ҳаст, ончунон мо* низ *дар ин ҷаҳон ҳастем.* Гуноҳҳои мо дар салиби Ҷолҷолто маҳкум шуда буданд, ва мо бо боварӣ суруда метавонем:

*Марг ва доварӣ – дар ақиби ман,*
*Меҳрубонӣ ва ҷалол – дар пеши ман;*

*Ҳамаи мавҷҳои баҳр бар Исо фурӯ рехтанд,*
*Он ҷо онҳо қудрати азими худро гум карданд.*

Ҷ. А. Тренч

Доварӣ бар Ӯ фурӯ рехт, пас, мо аз маҳкумият берун ҳастем.

**4,18** Мо барои дарк кардани *муҳаббати* Худо омадаем, барои ҳамин аз ҳалокат наметарсем. *Дар муҳаббат тарсе нест, балки муҳаббати комил тарсро бадар меронад.* Маҳз *муҳаббати комили Ӯ ҳаросро бадар меронад.* Ман ба муҳаббати Худованд аввалан барои он боварӣ дорам, ки Ӯ барои ман Писари Худро ба марг фиристод. Сониян, ман медонам, ки Ӯ маро дӯст медорад, чунки ҳозир дар ман сокин аст. Сеюм, ман метавонам бо боварӣ ва бе ягон тарс ба оянда нигоҳ кунам. Дуруст аст, ки *тарс азоб дорад, ва касе ки метарсад, дар муҳаббат комил нест.* Муҳаббати Худо дар ҳаёти одамоне ки аз Ӯ метарсанд, амал карда наметавонад. Онҳо ҳеҷ гоҳ ба назди Ӯ бо пушаймонӣ намеоянд ва бахшидани гуноҳҳоро ба даст намеоваранд.

**4,19** *Мо Ӯро*[9] *дӯст медорем, чунки аввал Ӯ моро дӯст дошт. Мо Ӯро* ба як сабабе *дӯст медорем – аввал Ӯ моро дӯст дошт.* Даҳ Фармуда талаб мекунанд, ки одам Худоро ва ёри худро дӯст дорад. Аммо шариат ин муҳаббатро дода наметавонист. Пас, Худо чӣ гуна метавонист он муҳаббатеро, ки росткории Ӯ талаб мекард, ба даст оварад? Ӯ масъаларо ин тавр ҳал кард: Писари Худро фиристод, то ки Ӯ барои мо бимирад. Ин гуна муҳаббати олӣ чун арзи миннатдорӣ аз боиси он чи Ӯ барои мо кард, дилҳои моро ба Ӯ ҷалб мекунад. Мо мегӯем: «Ту барои ман хуни Худро рехтӣ ва мурдӣ, акнун ман барои Ту хоҳам зист».

**4,20** Юҳанно таъкид мекунад, ки кӯшишҳои *Худоро дӯст доштан* беҳудаанд, агар дар айни замон мо аз *бародари* худ нафрат дошта бошем. Ҳар қадаре ки парраҳо ба марказ наздиктар бошанд, ҳамон қадар бо ҳам наздиктаранд. Ҳамин тариқ, ҳар қадаре ки мо ба Худованд наздиктар бошем, бародарони масеҳии худро ҳамон қадар бештар дӯст медорем. Амалан мо Худовандро на он қадар бештар аз он ки ба фурӯтантарини пайравони Ӯ муҳаббат дорем, дӯст медорем. Юҳанно исбот мекунад, ки Худоро, *ки надидаем,* дӯст доштан имкон надорад, агар мо бародаронеро, *ки дидаем,* дӯст надорем.

**4,21** Расул бобро бо такрори фармудае ки мо аз Ӯ дорем, ба анҷом мерасонад: ҳар кӣ Худоро дӯст медорад, бародари худро низ дӯст дорад.

### Б. Таълимоти солим (5,1а)

**5,1а** Акнун Юҳанно аз мавзуи меъёрҳои баҳодиҳии ҳаёт боз ба таҳлили таълимот бармегардад. Мо ҳамчунин метавонистем онро тафтиши имон номем. Дар се ояти аввал натиҷаҳои имон номбар карда мешаванд. Аввал зодашавии илоҳӣ меояд, сипас муҳаббат ба Худо, баъд – муҳаббат ба бародарони имондор ва ниҳоят, риояи фармудаҳои Худо. Пеш аз ҳама мо зодашавӣ аз Худоро дорем: *ҳар кӣ имон дорад, ки Исо Масеҳ аст, вай аз Худо таваллуд ёфтааст.* Ин ҷо имон на танҳо бо идрок ба факт розӣ шудан, балки ҳаётро ба Исо ҳамчун ба Масеҳ бахшидан аст.

### В. Муҳаббат ва итоаткорие ки пас аз он меояд (5,1б-3)

**5,1б** Агар мо ҳақиқатан *аз Худо таваллуд ёфта* бошем, *Ӯро* дӯст хоҳем дошт. Ва на танҳо Ӯро, балки фарзандони Ӯро низ дӯст хоҳем дошт. Бояд гуфт, ки мо бояд на танҳо касонеро, ки ба ҷамоати маҳаллии мо ё ба як намуди муайяни калисо дохил ҳастанд, балки ҳамаи имондоронро дӯст дорем.

**5,2-3** Натиҷаи чоруми имон ба фармудаҳои Худо итоат кардан аст. *Аз ин медонем, ки фарзандони Худоро дӯст медорем, ки Худоро дӯст дорем ва фармудаҳои Ӯро риоя кунем.* Ба онҳое ки ҳақиқатан наҷот ёфтаанд, иҷро кардани хости Худо хос аст. Муҳаббати мо ба *Худо* дар хоҳиши ба ҷо овардани фармудаҳои Ӯ ифода меёбад. Худованд Исо гуфтааст: «Агар Маро дӯст доред, фармудаҳои Маро риоя мекунед» (Юҳ. 14,15).

Вақте Юҳанно мегӯяд, ки *фармудаҳои Ӯ гарон нестанд*, онро дар назар надорад, ки онҳо душвор нестанд, балки, аниқтараш, онҳо маҳз ҳамон чизҳое мебошанд, ки аз олами боло зодашудагон иҷро кардани онҳоро дӯст медоранд. Вақте шумо ба модар маслиҳат

медиҳед, ки ба кӯдак бештар ғамхорӣ намояд, шумо фақат он чизеро маслиҳат медиҳед, ки вай ба ҷо оварданашро дӯст медорад. *Фармудаҳои* Худованд барои мо беҳтаринанд, онҳо ҳамоне мебошанд, ки табиати нави мо аз он самимона ба вaҷд меояд.

## Г. Имоне ки бар ҷаҳон ғолиб меояд (5,4-5)

**5,4** Сипас мо оид ба сирри ғалаба бар *ҷаҳон* мефаҳмем. Системаи ҷаҳонӣ барномаи даҳшатовари васвасаҳост, ки доимо кӯшиш мекунад моро аз Худо ва аз он чи ҷовидонист, дуртар кашида барад ва моро ба чизи муваққатӣ ва ҷисмонӣ ҷалб кунад. Одамони ҷаҳон пурра бо чизҳои тезгузар ва эҳсосотӣ машғул мебошанд. Онҳо қурбонии чизи гузаранда шудаанд.

Танҳо одаме ки *аз Худо таваллуд ёфтааст,* ҳақиқатан *бар ҷаҳон ғолиб мешавад*, чунки бо имон вай метавонад бар бебақоии ин ҷаҳон баланд шавад ва ҳама чизро дар дурнамои ҳақиқӣ, абадӣ бинад. Ҳамин тариқ, дар ҳақиқат на олимони бузург, файласуфон ё рӯҳшиносон, балки имондорони одие *бар ҷаҳон ғолиб мешаванд*, ки гузаранда будани чизи ба назар менамуда ва абадӣ будани чизи ноаёнро мефаҳманд. Нури ҷалоли Худо, ки дар Масеҳ зоҳир карда шуд, ҷалоли ин ҷаҳонро мепӯшонад.

**5,5** Чунон ки дидем, мавзуи ин боб имон ҳамчун санҷиши ҳаёти абадӣ мебошад. Юҳанно худи ҳозир зикр кард: *Кист, ки бар ҷаҳон ғолиб мешавад, ғайр аз касе ки имон дорад, ки Исо Писари Худост?* Акнун вай фаҳмондани ҳақиқатро оид ба хизмати Худованд Исои Масеҳ давом медиҳад.

## Ғ. Таълимоти солим (5,6-12)

**5,6** Вай мегӯяд: *«Ӯ Исои Масеҳ аст, ки бо об ва хун омадааст».* Оид ба маънои ин суханон мубоҳисаҳои зиёде буданд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки *об ва хун* ба об ва хуне дахл доранд, ки аз бадани Наҷотдиҳанда ҷорӣ мешуд (Юҳ. 19,34). Дигарон ақида доранд, ки *об* ба Рӯҳи Худо дахл дорад, *хун* бошад ба он хуне ки дар Ҷолҷолто рехта шуд, дахл дорад. Дигарон тахмин мекунанд, ки расул ба зодашавии табиӣ ишора мекунад, ки он ҷо *об ва хун* ҳаст. Мо мехостем маънидоди чорумро пешниҳод кунем он бидъати гностикҳоро ба назари эътибор мегирад, ки расул онро дар ин Нома фош карданӣ мешавад.

Чунон ки пештар зикр шуда буд, гностикҳо чунин фикр мекарданд, ки Масеҳ бар Исо дар лаҳзаи таъмид гирифтани Ӯ фуруд омада, пеш аз азобҳо, яъне дар боғи Ҷатсамонӣ Ӯро тарк кард. Бо суханони дигар, онҳо гӯё мегуфтанд: «Масеҳ дар салиб намурдааст, он ҷо Исои одам мурд». Ин, албатта, кори Ӯро аз арзиши кафораткунандааш барои гуноҳҳои дигарон маҳрум мегардонад. Мо тахмин мекунем, ки Юҳанно обро ҳамчун рамзи таъмиди Исо ва хунро ҳамчун марге ки гуноҳро барҳам медиҳад, истифода бурдааст. Ин ду пункти охирини хизмати вай дар назди омма буд. Юҳанно мегӯяд, ки Исо ҳам ҳангоми дар салиб мурда истодан ва ҳам ҳангоми дар Урдун таъмид гирифтан Масеҳ буд. *Ӯ Исои Масеҳ аст, ки бо об ва хун омадааст, на танҳо бо об* (чуноне ки гностикҳо меҳисобанд), *балки бо об ва хун.* Таассуроте ҳосил мешавад, ки дили инсон ҳамеша кӯшиш мекунад, то аз таълимоти кафорат халос шавад. Одамон дар Худованд Исо Одами комилро, намунаи идеалии Касеро диданӣ ҳастанд, ки ба мо кодекси ҳайратовари ахлоқро додааст. Аммо Юҳанно таъкид менамояд, ки Худованд Исо на танҳо Одами комил, балки Худои комил низ ҳаст. Оне ки дар Урдун таъмид гирифт, ҳаёти Худро барои гуноҳкорон қурбон намуд. Одамон ба Масеҳ мегӯянд: «Аз салиб поин фаро, ва мо ба Ту бовар мекунем» (ниг. Марқ. 15,32). Агар онҳо салибро аз фикри худ бартараф карда тавонанд, хушбахт мешаванд. Аммо Юҳанно мегӯяд: «Не. Шумо Худованд Исои Масеҳро аз кори наҷот, ки дар Ҷолҷолто ба амал овард, ҷудо карда наметавонед».

*Ва Рӯҳ шаҳодат медиҳад, чунки рӯҳ ростист.* Ин маънои онро дорад, ки Рӯҳулқудс ҳамеша ҳақиқатро дар бораи Худованд Исо, ки онро Юҳанно ошкор намуд, дар худ дорад. Вай оид ба он шаҳодат медиҳад, ки Масеҳ на танҳо бо об, балки бо *об ва хун* омадааст, чунки ин ҳақиқати Худост.

**5,7-8** Баъзе масеҳиёни худотарс ба изтироб ва ҳаяҷон меоянд, вақте мефаҳманд, ки қисмҳои алоҳидаи оятҳои 7 ва 8 дар асл танҳо дар якчанд дастнависҳои юнонии Инҷил оварда шудаанд.[10] Аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ ҳақиқатро

дар хусуси бо илҳоми илоҳӣ навишта шудани Навиштаи Муқаддас халалдор намекунад. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин калимаҳоро нигоҳ доштан муҳим аст, чунки ин ҷо оид ба ҳар се Шахси Ваҳдати Сегонаи Илоҳӣ зикр мешавад. Аммо ҳақиқат оид ба Ваҳдати Сегона танҳо ба ин порча вобаста нест, чунки дар бисёр оятҳои дигари Навиштаи Муқаддас ҳаст.

Дар оятҳои гузашта ҳақиқатро оид ба Шахсият ва амали Масеҳ баён карда, Юҳанно муайян намудани боварибахш будани имони моро ба Ӯ давом медиҳад. Вай мегӯяд, ки *се ҳастанд, ки шаҳодат медиҳанд* (калимаҳои «дар замин» ба ин тааллуқ надоранд): *рӯҳ, об ва хун; ва ин се мувофиқат мекунанд.* Агарчи Сухани Худо ҳамчун асос барои имони мо бояд кофӣ бошад, бо вуҷуди ин Ӯ аз рӯи лутфу марҳамати Худ ба мо далели сегона оид ба ҳақиқат медиҳад. Пеш аз ҳама Рӯҳи Худо аз он ҳақиқате шаҳодат медиҳад, ки Исои Масеҳ – Худо ва Наҷотдиҳандаи ягонаи ҷаҳон аст. Шаҳодати Рӯҳро дар Сухани Худо навишташуда пайдо мекунем.

Сипас шаҳодати *об* дода шудааст. Мо тахмин мекунем, ки ин ба он чизе дахл дорад, ки ҳангоми таъмид гирифтани Худованд Исо рӯй дод. Он вақт Худо осмонро боз намуда, кушоду равшан эълон намуд: *«Ин аст Писари дӯстдоштаи Ман, ки аз Ӯ хушнудам»*. Ҳамин тариқ, Худо Падар ба шаҳодати Рӯҳ шаҳодати шахсии Худро оид ба Шахсияти Исо ҳамроҳ намуд.

Билохира, шаҳодати *хун* дода шудааст. Дар салиб Худованд Исо оид ба Худ шаҳодат медод, ки Ӯ Писари Худост. Ҳеҷ кас аз Ӯ ҳаётро наситонда буд; Ӯ Худ онро дод. Агар Ӯ одами одӣ мебуд, ин корро карда наметавонист. Хуни Худованд Исои Масеҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи гуноҳ барои ҳамеша ҳал шуда буд. ҳар *се* шаҳодат *мувофиқат мекунанд.* Яъне онҳо дар шаҳодат оид ба камолоти Шахсият ва амали Масеҳ як ҳастанд.

**5,9** Акнун Юҳанно далели таъсирбахш пешниҳод мекунад; *«Агар мо шаҳодати одамиро қабул кунем, шаҳодати Худо бузургтар аст»*. Дар ҳаёти ҳаррӯза мо одатан ба суханони рафиқонамон бовар мекунем. Агар мо ба суханони онҳо бовар намекардем, соҳибкории мо бозмеистод ва ҳаёти иҷтимоӣ имконнопазир мегардид. Мо шаҳодатҳо ё далелҳои одамонеро қабул мекунем, ки метавонанд хато кунанд ё фиреб диҳанд. Агар мо инро дар ҳаёти ҳаррӯза мекарда бошем, пас, ба Каломи Худо, ки устувор аст ва дурӯғ гуфта наметавонад, чӣ қадар бояд бовар кунем! Ба Худо бовар накардан тамоман оқилона нест. Шаҳодати Ӯ шоистаи бовари мутлақ аст.

**5,10** Ҳангоме ки одам шаҳодати Ӯро оид ба Писараш ҳақиқатан қабул мекунад, Худо ҳақиқатро муҳр зада, ба одам *шаҳодати* Рӯҳро *дар худ* медиҳад. Аз тарафи дигар, шахсе ки ба Худо имон надорад, Ӯро дурӯғгӯй тасаввур мекунад; *зеро ба шаҳодате ки Худо дар бораи Писари Худ додааст, имон надорад.* Одамон фикр мекунанд, ки метавонанд шаҳодати Худоро оид ба Масеҳ қабул ё рад кунанд, аммо Юҳанно ба онҳо мефаҳмонад, ки рад кардани Ӯ дар дурӯғгӯӣ айбдор намудани Худост.

**5,11** Сипас Юҳанно хабари масеҳиро хулоса мекунад: *«Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти абадӣ додааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст»*. Чӣ ҳақиқати бузургест, ки Худо ба одамон *ҳаёти абадиро* дод ва сарчашмаи он *дар Писари Ӯст!*

**5,12** Аз ин ҷо ногузир хулосаи зерин бармеояд: *Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад, касе ки Писари Худоро надорад, ҳаёт надорад.* Таълимот пурра фаҳмо аст. Ҳаёти абадиро на дар таҳсил ё фалсафа, на дар илм ё корҳои нек, на дар дин ё калисо метавон ёфт. Барои *ҳаёт* доштан *Писари Худоро доро* будан лозим аст. Касе ки *Писари Худоро надорад, ҳаёт,* яъне ҳаёти ҳақиқӣ *надорад. Ҳаёти абадӣ* аз Исои Масеҳ ҷудонашаванда аст.

## Д. Дилпурӣ ба воситаи Калом (5,13)

**5,13** Акнун мо ба қисми хулосавии Нома наздик мешавем. Пеш аз ҳама Юҳанно возеҳан изҳор менамояд, ки чаро вай оятҳои пешинаро навиштааст. Мақсад он аст, ки онҳое ки *ба номи Писари Худо* имон доранд, донанд, ки *ҳаёти абадӣ доранд.* Агар шумо нишонаҳои фарзандони Худоро доред, пас, *донед,* ки дар оилаи Худо зода шудаед. Дар ин оят боз як ҳақиқати пурқимат баён шудааст: Боварӣ ба наҷот ба воситаи Сухани Худо меояд. Юҳанно инро барои он навишт, то одамон *донанд,* ки *ҳаёти абадӣ доранд.* Дигар хел карда гӯем, Навиштаи Муқаддас барои он навишта шудааст, ки касоне ки ба Худованд Исо имон доранд, ба наҷот боварӣ дошта бошанд. Умед кардан

ё тахмин намудан, ҳис кардан ё дар торикӣ даст-даст карда пеш рафтан зарур нест. Дилпурӣ оид ба наҷот ҳавобаландӣ нест. Юҳанно возеҳан изҳор менамояд, ки ҳақиқатан ба Худованд Исо *имон*доштагон бояд донанд, ки *ҳаёти абадӣ доранд*.

### Е. Ҷуръат дар дуогӯӣ (5,14-17)

**5,14-15** Худ аз худ маълум аст, ки ба ҳаёти абадӣ боварӣ дошта, мо ба ҳузури Худо бо *ҷуръат* истода метавонем. Юҳанно ин *ҷуръатро* дар оятҳои 14 ва 15 тасвир мекунад. Мо медонем, ки *мо мувофиқи хости Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ* дуоҳои *моро мешунавад* ва ба онҳо ҷавоб медиҳад. Бешубҳа, аз дуо кардан оид ба он чи ба хости Ӯ мувофиқат намекунад, бояд тарсем. Шояд касе гӯяд: «Охир, ман чӣ тавр хости Худоро дониста метавонам?» Ҷавоб чунин аст: хости Худо ба мо дар Навиштаи Муқаддас ошкор шудааст, ва аз ҳамин сабаб мо бояд Каломро омӯзем, то ки хости Худоро беҳтар донем ва боақлонатар дуо кунем.

**5,16** Юҳанно мисоле меорад, ки кай имондор бо ҷуръат дуо карда метавонад ва кай ин ҷуръат имкон надорад. *Агар касе бародари худро бинад, ки гуноҳе мекунад, ки анҷомаш марг нест, бигзор дуо гӯяд, ва Худо ӯро зиндагӣ мебахшад: дар бораи онҳое мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон марг нест.* Ин, аз афташ, он ҳолатест, ки масеҳӣ дар фаъолияти гуноҳолуд иштирок доштани бародарро мебинад. Аммо ин на он гуноҳест, ки барояш гуноҳкорро аз ҳаёт маҳрум кардан лозим аст. Дар ин ҳолат имондор метавонад оид ба барқароршавии шахси гуноҳкунанда дуо кунад, ва Худо ба талабкунанда *ҳаёти* гуноҳкореро, ки анҷоми гуноҳаш марг нест, *медиҳад*.

Аммо гуноҳе ҳаст, ки анҷомаш марг аст, ва расул илова мекунад: дар бораи чунин гуноҳ намегӯям, ки дуо гӯед.

---

### ГУНОҲЕ КИ АНҶОМАШ МАРГ АСТ

Бо боварии пурра гуфтан имкон надорад, ки *«гуноҳе ки анҷомаш марг аст»* чӣ маъно дорад, ва аз ҳамин сабаб дурусттараш он аст, ки тафсирҳои гуногуни қабулшударо номбар кунем, ва баъд гӯем, ки кадоми онҳо, ба ақидаи мо, дурусттар аст.

1. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки *гуноҳе ки анҷомаш марг аст* гуноҳест, ки имондор онро содир карда, дар он мемонад ва иқрор намешавад. Дар 1Қуринтиён 11,30 мехонем, ки баъзеҳо мурданд, чунки дар Шоми Худованд иштирок карда, дар айни ҳол худро маҳкум накарданд.
2. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ин ҷо гуноҳи куштор зикр шудааст. Агар масеҳӣ дар лаҳзаи оташинӣ шахсеро кушад, мо набояд оид ба бекор кардани ҳукми қатли вай дуо кунем, чунки Худо бо хости Худ муқаррар намудааст, ки «касе хуни одамизодро резад, хуни ӯ бо дасти одам рехта шавад» (Ҳас. 9,6).
3. Дигарон тахмин мекунанд, ки гуноҳи дар ин ҷо зикршуда, – бар зидди Рӯҳулқудс бадгӯӣ кардан аст. Худованд Исо гуфтааст, ки онҳое ки муъҷизаҳои бо қуввати Рӯҳулқудс ба амал овардаи Ӯро ба мири иблисонаи Баал-Забул нисбат медоданд, гуноҳи нобахшидание кардаанд ва барои ин гуноҳ на дар ин ҷаҳон бахшидан ҳаст, на дар ҷаҳони оянда.
4. Баъзеҳо ақида доранд, ки ин гуноҳи махсус аст, ки ба гуноҳи содиркардаи Мусо ва ё Ҳорун, Ҳанониё ва Сафира монанд мебошад, ки Худо ба он ҳукми ниҳоӣ мебарорад.
5. Шарҳи охирин он ақидаеро пайгирӣ менамояд, ки ин гуноҳи муртадӣ, аз имон баргаштан аст. Мо чунин меҳисобем, ки маҳз ҳамин маънидод беҳтар аз ҳама ба алоқамандии матн мувофиқат мекунад. Аз имон баргашта касест, ки ҳақиқатҳои бузургро оид ба масеҳият шунида буд, бо ақли худ иқрор дошт, ки Исо Масеҳ аст, ҳатто ошкоро худро масеҳӣ меномид, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буд. Ҳама чизи беҳтаринеро, ки масеҳият дорад, чашида, вай аз он пурра даст мекашад ва Худованд Исои Масеҳро инкор мекунад. Аз Ибриён 6 мо мефаҳмем, ки маҳз ҳамин гуноҳ ба марг мебарад. Касе ки чунин гуноҳ содир мекунад, аз роҳи наҷот маҳрум мешавад, чунки «онҳо боз дар худ Писари Худоро ба салиб мекашанд ва Ӯро дашном медиҳанд». Дар давоми тамоми Нома Павлус фикрро

оид ба гностикҳо пеш мебарад. Ин муаллимони дурӯғин аллакай як бор дар мушоракати масеҳиёна буданд. Онҳо изҳор менамуданд, ки имондор ҳастанд. Онҳо ҳақиқатҳои имонро медонистанд, аммо сипас аз Худованд Исо рӯ гардонда, таълимотеро бофта баровbooмарданд, ки илоҳияти Ӯ ва кофӣ будани қурбонии кафораткунандаи Ӯро барои гуноҳҳои мо пурра инкор мекунад. Масеҳӣ наметавонад оид ба барқарор шудани ин гуна одамон дуо кунад, чунки Худо аллакай дар Каломи Худ гуфтааст, ки онҳо гуноҳе мекунанд, ки анҷомаш марг аст.

---

**5,17** *Ҳар ноинсофӣ гуноҳ аст, лекин гуноҳе ҳаст, ки анҷомаш марг нест.* Дар дараҷаи *гуноҳ* фарқҳои гуногуне ҳаст, ва гуноҳҳое ҳастанд, ки на он қадар ҷиддӣ ҳастанд, то боиси *марг* шаванд.

## Ё. Донистани воқеияти рӯҳонӣ (5,18-20)

**5,18** Аз ояти 18 сар карда, Юҳанно воқеиятҳои бузург ва бешубҳаи имони масеҳиро такрор намуда, Номаи худро ба анҷоми боазамат мебарад. *Мо медонем, ки ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад.* Инро ба асос гирифта, мо метавонем дилпур бошем, ки касе ки табиати илоҳӣ дорад, дигар дар гуноҳ зиндагӣ намекунад. Сипас сабаб меояд: *балки касе ки аз Худо таваллуд ёфт, худро нигоҳ медорад, ва шарир ба вай даст намерасонад.* Чун дар 3,9, ин суханон ба имондори ҳақиқӣ дахл доранд, ки ба шарофати табиати илоҳӣ худро аз гуноҳ барканор мегирад. Танҳо ба ҳамин гуна одам бадӣ зарар расонида наметавонад.

**5,19** Ҷавоби масеҳиёна ба касоне ки аз рӯи гуфтаашон, гӯё дониши олӣ доранд, чунин аст: *мо медонем, ки аз Худо ҳастем, вале тамоми ҷаҳон зери фармони шарир аст.* Юҳанно маънои калимаҳоро ҳеҷ нармтар намекунад. Вай танҳо ду ҷаҳонро мебинад: ҷаҳон дар Ӯ ва ҷаҳоне ки *зери фармони шарир аст.* Ҳамаи одамон ё наҷот ёфтаанд ё ҳалок шудаанд, ва вазъияти онҳо ба муносибат бо Исои Масеҳ вобаста аст. Бошад, ки ин гуфтаҳоро бишнавед, эй гностикҳо!

**5,20** Ҳақиқати бузурги сеюм – ҳақиқат оид ба таҷассум аст. *Валекин мо медонем, ки Писари Худо омад.* Юҳанно Номаи худро бо ин мавзуъ сар кард ва бо ҳамин мавзуъ ба анҷом мерасонад. Омадани Худованд Исо ба мо Касеро, ки *ҳақ* аст, яъне *Худои ҳақиқиро* зоҳир намуд. Худо Падарро танҳо ба воситаи Худованд Исои Масеҳ дарк намудан мумкин аст. «Писари ягонае ки дар оғӯши Падар аст, Ӯро зоҳир кард» (Юҳ. 1,18). Сипас Юҳанно илова мекунад: *ва мо дар Ҳақ, дар Писари Ӯ Исои Масеҳ ҳастем.* Боз ҳам диққат ба он марказонида мешавад, ки танҳо ба воситаи дар Масеҳ будан мо дар Худо буда метавонем. «Касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман» (Юҳ.14,6). *Ӯ Худои ҳақиқӣ ва ҳаёти абадӣ мебошад.* Дигар хел карда гӯем, Юҳанно онро таълим медод, ки гностикҳо инкор мекарданд: Исои Масеҳ Худост, ва ҳаёти абадӣ танҳо дар Ӯст.

## IX. МУРОҶИАТИ ХОТИМАВӢ (5,21)

**5,21** Билохира, ба мо насиҳати хотимавии Юҳанно дода шудааст: *«Эй фарзандон! Худро аз бутҳо нигоҳ доред. Омин».* Амалан расул мегӯяд: «Аз ҳама гуна таълимоте ки ба ин воқеият мухолиф мебошанд, барҳазар бошед». Вай мехоҳад, ки имондорон худро аз ҳар гуна идеяҳо оид ба Худо, ки аз гуфтаҳои расулон фарқ мекунанд, нигоҳдорӣ намоянд. Исои Масеҳ Худост. ҳар гуна ақидаи дигар бутпарастӣ мебошад. Ин ҷо Юҳанно на дар бораи бутҳои аз чӯб тарошидашуда гап мезанад. Бут худои сохта ва ё бардурӯғест, ки ҷои Худои ҳақиқиро гирифтааст. Ин ҷо бут гуфта на предмети материалӣ, балки таълимоти бардурӯғ дар назар дошта шудааст.

Усқуф Александр оид ба ин даъват чун оид ба «ларзаи суханварона» сухан меронд. Ин муроҷиатро бо суханони беҳтар аз ин навишташуда тасаввур кардан имкон надорад, бинобар ин мо тафсирро бо ларзаи суханваронаи Юҳанно ба охир мерасонем:

*«Эй фарзандон! Худро аз бутҳо нигоҳ доред. Омин».*

# Тавзеҳот

1. (2,7) Дар матни интиқодии юнонӣ «аз ибтидо»-и дуввум партофта шудааст.
2. (2,12) Калимаи юнонии «текниа» шакли калимаест, ки маънои зоиданро дорад. Пас, тарҷумаи аниқ «тифлон» ё «навзодон» мебуд.
3. (2,20) Дар аксари матнҳои юнонӣ «шумо ҳама *чизро* («панта») медонед», дар матни интиқодии НА «ҳамаи *шумо* («пантес») медонед» мехонем. Зикри тарҷумон: Калимаи *ростӣ* дар асли юнонӣ нест.
4. (4,3) Дар матни юнонии НА «ки» ва «Масеҳ дар ҷисм омад» партофта шудааст.
5. (4,7.8) G. S. Barrett, *The First Epistle General of St. John*, саҳ. 170-173.
6. (4,9.10) *Кафорат* пардохтани арзиши гуноҳ ба воситаи қурбонӣ аст. Дар нусхаи аслӣ калима аз асли юнонии «курсии файз» бармеояд.
7. (4,9.10) James R. Denney, *The Death of Christ,* нашри дуюм, саҳ. 276. Қисми аввали иқтибос, аз афташ, аз нусхаи пештар гирифта шудааст.
8. (4,14) W. E. Vine, *The Epistles of John,* саҳ. 85.
9. (4,19) Дар матни НА «Ӯро» партофта шудааст.
10. (5,7.8) Эразм ин калимаҳоро дар нашрҳои дертари тарҷумаи юнонии худ зери фишори папаи Рум (онҳо дар Навиштаи Муқаддаси расмии католикии *лотинӣ* – Вулгата вомехӯранд) илова намуд. Танҳо дар *чор* матни *дертарини юнонӣ* ин калимаҳо ҳастанд; ҳамин тариқ, истифодаи онҳо хатарнок аст. Фирқаҳое ки доимо Ваҳдати Сегонаи Худоро инкор кардanӣ мешаванд, фавран ба ин фактҳо ишорат мекунанд, бинобар ин оид ба ин мушкилӣ донистан лозим аст. 11. (5,18) Агар дар матни юнонии НА ба ҷои «ҳар кӣ» «Оне ки» хонем, пас, «Оне ки аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад» ба Масеҳ дахл дорад.

# Рӯйхати адабиёт


Barrett, G. S.
*The First Epistle General of St. John.*
London: The Religious Tract Society, 1910.

Candlish, Robert S.
*The First Epistle of John.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, сол номаълум.

Findlay, George.
*Fellowship in the Life Eternal.*
London: Hodder & Stoughton, сол номаълум.

Ironside, H. A.
*Addresses on the Epistles of John.*
New York: Loizeaux Bros., сол номаълум.

Kelly, William.
*An Exposition of the Epistles of John the Apostle.*
London: T. Weston, 1905.

Law, Robert.
*The Tests of Life.*
Edinburgh: T & T. Clark, 1909.

Marshall, I. Howard.
*The Epistles of John (NIC).*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1978.

Mitchell, John G.
*Fellowship: Three Letters from John.*
Portland, Ore.: Multnomah Press, 1974.

Stott, John R. W.
*The Epistles of John (TBC).*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1964.

Vine, W. E.
*The Epistles of John: Light, Love, Life.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1970.

Westcott, Brooke Foss.
*The Epistles of St. John.*
Cambridge: The MacMillan Company, 1892.

# НОМАИ ДУЮМИ ЮҲАННО

*[Номаи дуюми Юҳанно] ба мо ҷанбаи нави расулро ошкор менамояд: он ӯро ҳамчун шубони ҳар як ҷон нишон медиҳад ... Ба ҳар касе ки ин нома равона шуда бошад ... ба калисои маҳаллӣ ё ... ба зани масеҳӣ ... он барои ҳар як одам навишта шудааст, чунки вай ба расул ба дараҷае гаронқадр аст, ки ӯ мактуб мефиристад.*

А. Пламмер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Дар баробари Номаи сеюми Юҳанно, ин мактубча – ҳама он чизест, ки мо аз мукотибаи шахсии яке аз дӯстдоштатарин муқаддасони аввалин, расул Юҳанно дорем.

Баъзан масеҳиён донистан мехоҳанд, ки то чӣ андоза онҳо бо дигарон бояд «кушода» ё «пӯшида» бошанд, хусусан бо онҳое ки масеҳӣ ҳастанд. Номаҳои дуюм ва сеюми Юҳанно ба ин саволи амалӣ ҷавоб медиҳанд. Номаи дуюм нишон медиҳад, ки аз бидъаткорон нигоҳдорӣ намудани хонаамон (ё калисои хонагӣ) чӣ қадар муҳим аст. Дар Номаи сеюм «сиёсати дарҳои кушода» барои воизон ва миссионерони мусофир таҳсин карда мешавад.

### II. МУАЛЛИФӢ

Шаҳодатҳои беруна барои 2Юҳанно назар ба 1Юҳанно, бешубҳа, аз сабаби кӯтоҳ будан ва хусусияти шахсӣ доштан сусттаранд. Ириней ба он истинод мекунад, аммо ба монанди дигарон гумон мекунад, ки ин Нома қисми 1Юҳанно аст (таксимот ба бобҳо ва оятҳо садҳо сол пас карда шуда буд). Ориген дар мавриди ба кӣ тааллуқ доштани Нома шубҳа мекард, аммо Климент ва Дионисий, ҳар ду аз Искандария, ба он ҳамчун аз тарафи Юҳанно навишташуда истинод меоранд. Киприан возеҳан ба ояти 10 ҳамчун ба навиштаи Юҳанно ишора мекунад.

Шаҳодати дохилӣ дар он аст, ки услуб ва захираи луғавии Нома ба монанди он мебошад, ки дар Инҷил ва Номаҳои якум ва сеюми Юҳанно ҳаст. Ҳатто бо вуҷуди он ки Номаҳои дуюм ва сеюм на чун 1Юҳанно сар мешаванд, онҳо чунон монанд ҳастанд, ки кам касон бо ҳамон як даст, ва аз афташ, дар як вақт навишта шудани онҳоро инкор мекунанд. Барои шубҳа кардан ба он ки муаллифии 2Юҳанно ба расул нисбат дода мешавад, ҳеҷ як асоси боэътибор вуҷуд надорад (Барои маълумоти муфассалтар ба Муқаддима ба 1Юҳанно нигаред).

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Чун дар ҳолати 1Юҳанно, ду давраи асосӣ имкопазир мебошанд. Ё ба таърихи пештар, то хароб карда шудани Уршалим, ишора мекунанд (солҳои 60-уми асри якум), ё дертар (солҳои 85-90). Агар таърихи якум дуруст бошад, пас, Нома, аз афташ, аз Уршалим фиристода шуда буд; агар таърихи дуюм дуруст бошад, пас, аз Эфесус, ки расули солхӯрда рӯзҳои ҳаёти худро дар он ҷо ба анҷом расонид.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Заминаи навишта шудани ин Нома хизмати воизони сафаркунанда буд, ки дар ибтидои масеҳият васеъ паҳн шуда буд ва ҳоло ҳам дар баъзе доираҳо маъмул аст. Хонаҳои масеҳиён ва ҷамоатҳое ки ба он ҷо ин муждаборон ва ходимони сухан мерафтанд, ба онҳо меҳмондӯстӣ зоҳир менамуданд, бо хӯрокворӣ ва баъзан бо пул ёрӣ медоданд. Мутаассифона, муаллимони дурӯғин ва фиребгарони динӣ ба зудӣ суиистифодаи ин анъанаро чун воситаи осони сарватғундорӣ ва паҳн кардани бидъати

худ, аз қабили гностисизм, сар карданд (ниг. «Муқаддима» ба 1Юҳанно).

Агар дар асри якум оид ба бидъаткорон ва «ҳаннотони дин» огоҳӣ додан муҳим бошад, пас, расул Юҳанно кампали имрӯзаи ҳаррангаи аз порчаҳои фирқаҳо, равияҳо ва динҳои бардурӯғ дӯхташударо дида, чӣ мегуфт?

Мавзуи асосии 2Юҳанно чунин аст: Мо бояд ҳамкориро бо ҳар касе ки дурӯғро оид ба Шахсияти Худованди мо паҳн мекунад, пешгирӣ намоем (о. 10.11).

# Нақша

I. ДУРУДИ РАСУЛ: ФАЙЗ, МАРҲАМАТ ВА ОСОИШТАГӢ (1-3)
II. ШОДИИ РАСУЛ: ФАРЗАНДОНИ ГАПДАРО (4)
III. ХОҲИШИ РАСУЛ: ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРЕД (5.6)
IV. ХАВОТИРШАВИИ РАСУЛ: ЗИДДИМАСЕҲОН ВА ВАСВАСААНГЕЗОН (7-11)
V. УМЕДИ РАСУЛ: ШАХСАН БОЗДИД НАМУДАН (12.13)

# Тафсир

## I. ДУРУДИ РАСУЛ: ФАЙЗ, МАРҲАМАТ ВА ОСОИШТАГӢ (1-3)

**Ояти 1** Расул Юҳанно дар Номаи дуюм худро ҳамчун *пир* мешиносонад. Ин калима ҳам синну сол ва ҳам вазифаи расмиро дар калисо ифода мекунад. Аз ҷиҳати синну сол Юҳанно охирини расулон буд, ки бо Худованд Исо муошират дошт. Аз ҷиҳати вазъияти расмӣ вай, албатта, усқуф, яъне нозир буд. Ҳамин тариқ, ҳоҷат ба интихоби яке аз маънидодҳо нест – ҳар ду дурустанд.

Суханони *«ба хотуни баргузида»-ро* маънидод кардан он қадар осон нест. Одатан се нуқтаи назар пешниҳод карда мешаванд:

1. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки *хотуни интихобшуда* калисо аст, ки дар ҷои дигар ҳамчун Арӯси Масеҳ зикр шудааст, ё калисои маҳаллӣ аст.
2. Дигарон чунин меҳисобанд, ки мактуб ба «Кириёи интихобшуда», яъне ба зане бо номи «Кириё» навишта шудааст. Ин ном муодили юнонии калимаи арамии Марто аст (ҳар ду «хотун» маъно доранд).[1]
3. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки Юҳанно ба *хотуни* масеҳии номаш зикрнашуда менависад, ки ҳамроҳи ҳамаи имондорони дигар аз тарафи Худо *интихоб шудааст* – дар Масеҳ пеш аз офариниши олам интихоб шудааст.

Мо ба ақидаи сеюм майл дорем ва онро махсусан муҳим меҳисобем, ки огоҳкунӣ оид ба муаллимони зиддимасеҳӣ дар мактубест, ки ба зан навишта шудааст. Гуноҳ аз аввал ба ҷаҳон ба воситаи Ҳавво омад, ки иблис фиребаш карда буд. «Зан фирефта гардида, ба хато дучор шудааст» (1Тим. 2,14). Павлус оид ба муаллимони дурӯғине мегӯяд, ки махсус ба занҳо муроҷиат мекунанд; онҳо ба хонаҳо медароянд ва «занҳои заифмиҷози ... ба гуноҳҳо ғӯтидаи ба ҳавасҳои гуногун моилшуда»-ро, ки тайёранд ҳар касро гӯш кунанд ва ба ҳар ҳол «ҳаргиз ба дониши ростӣ расида наметавонанд», «фирефта мекунанд» (2Тим. 3,6.7). Ҳатто имрӯзҳо намояндаҳои фирқаҳои дурӯғин рӯзона, вақте ки мард, соҳиби хона, одатан дар кор аст, ба хонаҳо медароянд. Кӯдаконро низ оид ба муаллимони дурӯғин огоҳ намудан лозим аст.

Юҳанно изҳор мекунад, ки *бонуи интихобшуда ва фарзандони вайро дар ростӣ дӯст медорад.* Наҷотёфтагон ҳамеша мушоракати олидараҷаро пайдо карда, чунон дӯст медоранд, ки агар онҳоро муҳаббати умумӣ ба ҳақиқати илоҳӣ муттаҳид намекард, ҳеҷ гоҳ ин тавр дӯст намедоштанд. Маҳз муҳаббати илоҳӣ *дилҳои ҳамаи онҳоеро, ки ростиро шинохтаанд,* муттаҳид мекунад.

**Ояти 2** Калимаҳои *«ба хотири ростӣ»* ду маънидоди имконпазир доранд. Онҳо метавонанд ҳам ба сабаби муҳаббат нисбати ҳамаи муқаддасон ва ҳам ба сабабе ки Юҳанноро ба навиштани ин мактуб водор кард, ишора кунанд. Ҳар ду тафсир қобили қабул ҳастанд. *Ростие ки дар мо сокин аст ва то абад бо мо мешавад*. Ин ҷо *ростӣ* метавонад ба инҳо дахл дошта бошад:

1. ба Худованд Исои Масеҳ. Ӯ гуфтааст: «Ман ... ростӣ ҳастам» (Юҳ. 14,6);
2. ба Рӯҳулқудс: «Рӯҳ ростист» (1Юҳ. 5,6; ниг. Юҳ. 14,16.17) ё
3. ба Навиштаи Муқаддас: «Каломи Ту ростист» (Юҳ. 17,17). Чӣ гуна ба ваҷд наоем, ки ҳар се ҳақиқат моро дастгирӣ мекунанд ва ҷовидона бо мо хоҳанд буд.

**Ояти 3** Дуруди Юҳанно чунин садо медиҳад: *«Файз, марҳамат ва осоиш бо мо бод»*.[2] *Файз* илтифот ба онҳоест, ки сазовори чизи тамоман мухолифи ин мебошанд. *Марҳамат* лутф ба онҳоест, ки айбдоранд ва ба ҳеҷ чиз кор намеоянд. *Осоиш* – муносибатҳои мавзун, ки аз *файз* ва *марҳамати* Худо бармеоянд. Ҳар сеи онҳо *аз ҷониби Худои Падар ва Исои Масеҳи Худованд* мебошанд. Падар Манбаъ, Писар бошад роҳ аст. Ба ғайр аз ин, онҳо *дар ростӣ ва муҳаббат* мебошанд ва ҳеҷ гоҳ на аз ҳисоби яке аз ин сифатҳо.

## II. ШОДИИ РАСУЛ: ФАРЗАНДОНИ ГАПДАРО (4)

**Ояти 4** Акнун Юҳанно бо шунидани он ки баъзе *фарзандони* бонуи интихобшуда *дар ростӣ рафтор мекунанд,* хурсандии худро изҳор мекунад. Ҳақиқат на танҳо чизест, ки ба он бо ақл бовар мекунанд, балки он чизест, ки бо он зиндагӣ мекунанд ва он чи дар рафтори ҳаррӯза аён мешавад. Худованд Исо таҷассуми зиндаи ҳақиқат буд, бинобар ин Ӯ интизор аст, ки ҳаёти мо низ шаҳодати *ростӣ* хоҳад буд.

## III. ХОҲИШИ РАСУЛ: ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРЕД (5-6)

**Ояти 5** Дар ояти 5 то 9 расул, аз афташ, хулосаи кӯтоҳи Номаи якуми худро меорад. Он ҷо вай меъёрҳоеро номбар намуд, ки ҳаётро бо онҳо тафтиш кардан лозим аст. Дар ин оят вай камаш сетои онҳоро такрор мекунад: тафтиши *муҳаббат* (о. 5), тафтиши итоат (о. 6) ва тафтиши таълимот (о. 7-9).

**Ояти 6** Аввал вай ба хонандагонаш ҳукми ба бародарон *муҳаббат* доштанро ёдрас мекунад. Дар асл ин ҷо *муҳаббат* хизмати беғаразона ба дигарон аст. Он на дар саволи «Ман аз ин шахс чӣ манфиате хоҳам дошт?» – балки дар саволи «Ман барои ин шахс чӣ кор карда метавонам?» ифода меёбад. Инак, *муҳаббат* аз он иборат аст, ки *мувофиқи фармудаҳои Ӯ* рафтор намоем. Агар мо ба Худованд ва ба ҳақиқати Худо итоат накунем, ба таври ҳақиқӣ, ба маънои илоҳӣ, дӯст дошта наметавонем.

## IV. ХАВОТИРШАВИИ РАСУЛ: ЗИДДИМАСЕҲОН ВА ВАСВАСААНГЕЗОН (7-11)

**Ояти 7** Ин ҷо сухан оид ба тафтиши таълимоти динӣ меравад. Саволи асосӣ чунин садо медиҳад: «Оё ҳақиқатан Худо дар Шахсияти Исои Масеҳ Одам шуд?» Ҷавоб «Ҳа!» аст. Гностикҳо[3] гумон доштанд, ки Масеҳи илоҳӣ бар Исои Носирӣ ба муддате фуруд омад. Аммо Юҳанно исрор мекунад, ки Исои Масеҳ ҳамеша Худо буд, ҳаст ва хоҳад буд.

**Ояти 8** Бинобар ин вай хонандагонро огоҳ мекунад: *«Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳем, балки подоши комил гирем»*. Дигар хел карда гӯем, истодагарона ҳақиқатро оид ба Худованд Исои Масеҳ пайравӣ кунед, то ки меҳнати мо дар байни шумо бар абас наравад ва мо (расулон ва пайравони онҳо) *подоши комил гирем.*

**Ояти 9** *«Ҳар ки аз таълимоти Масеҳ дур мешавад ва дар он пойдор намемонад»* гуфта, Юҳанно муаллимони дурӯғинро дар назар дорад. Аз таълимот дур шудан – яъне берун баромадан аз ҳудуде ки иҷозат дода шудааст. Фирқаҳои гуногун маҳз ҳамин тавр мекунанд: онҳо изҳор мекунанд, ки ваҳйи нав гирифтаанд ва он чизро паҳн мекунанд, ки дар Каломи Худо нест. Онҳо дар ҳудуди ваҳйи масеҳӣ ва ё дар *таълимоти Масеҳ* (аз афташ, таълимоте дар назар дошта шудааст, ки Худо *Масеҳ* овардааст) истодан намехоҳанд. Эҳтимол, аз

таълимот дур шудан рад кардани он чизест, ки Навиштаи Муқаддас оид ба *Масеҳ* мегӯяд. Дар ин оят расул таъкид мекунад, ки аҳли фирқа ба дониши худ оид ба Худо боварӣ доранд, аммо аз боиси он ки ба Худо-одами комил будани Исои Масеҳ боварӣ надоранд, онҳо умуман *Худоро надоранд*. Худоро танҳо ба воситаи Писари Ӯ донистан мумкин аст. «Касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман» (Юҳ. 14,6).

**Ояти 10-11** Ин ҷо маркази Нома баён карда шудааст. Расул ба мо маслиҳати пурқимате медиҳад, ки бо муаллимони дурӯғине ки пеши дари хонаҳои мо меоянд, чӣ гуна рафтор кунем. Юҳанно меомадагони тасодуфиро не, балки «миссионерон»-и зиддимасеҳиро дар назар дорад. Оё лозим аст, ки онҳоро даъват кунем? Ё бо чой меҳмондорӣ кунем? Аз ҷиҳати молиявӣ ёрӣ диҳем? Аз онҳо китобҳо бихарем? Ҷавоб чунин аст: мо бояд онҳоро *ба хонаи худ қабул накунем ва* ба онҳо *салом надиҳем*. Ин одамон душманони Масеҳ ҳастанд. Онҳоро меҳмондорӣ кардан – бар зидди Наҷотдиҳандаи мо ба тарафи онҳо гузаштан аст. Шояд, Худовандро рад кардани ин гуна одамро надониста, мо ягон вақт ӯро ба хонаамон роҳ медодем. Дар ин ҳол ин оятҳо ба кор бурда намешаванд. Аммо агар мо аниқ донем, ки ин одам муаллими дурӯғин аст, пас ӯро дӯстона дастгирӣ кардани мо хиёнат ба Масеҳ аст. Ин оятҳо на ба ҳамаи онҳое дахл доранд, ки ба хонаи мо меоянд. Мо бисёр вақт ба хона беимононро даъват мекунем, то онҳоро ба сӯи Масеҳ ҷалб намоем. Аммо ин ҷо сухан маҳз дар бораи муаллимони диние меравад, ки Исои Масеҳи Худо-одамро рад мекунанд.

С. Ф. Догг мефаҳмонад:

*Ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ додан мумкин нест, то таассуроте ҳосил шавад, ки ҳуҷумҳо ба Масеҳ ҷоиз аст, ҳамчунин ба муртад набояд роҳ дод, ки ба дигарон таъсир расонад.*[4]

## V. УМЕДИ РАСУЛ: ШАХСАН БОЗДИД НАМУДАН (12-13)

**Ояти 12** Юҳанно мехост ба бонуи интихобшуда боз бисёр чизҳо гӯяд. Аммо дар ин ҷо вай навиштанро бо умеди он бас мекунад, ки ба зудӣ шахсан бо вай вохӯрад, то ки *даҳонакӣ* гап занад. Шахсан бо одам суҳбат кардан беҳтар аз навиштан *ба коғаз бо сиёҳӣ* аст! Ва то чӣ андоза беҳтар аст дар оянда Наҷоткорро рӯ ба рӯ бинем, назар ба он ки, чун имрӯзҳо, бо чашмони имон бинем! Он гоҳ *хурсандии мо* ҳақиқатан *комил* хоҳад буд!

**Ояти 13** Инак, Юҳанно Номаро бо чунин суханон ба анҷом мерасонад: *«Фарзандони хоҳари интихобшудаи ту ба ту салом мерасонанд»*. Мо кӣ будани онҳоро намедонем, аммо ягон вақт бо онҳо вомехӯрем ва аз мушоракат бо онҳо ва бо расул Юҳанно, ки ин номаро навиштааст, лаззат мебарем, ва бештар аз ҳама – бо Худи Наҷотдиҳанда. *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (ояти 1) Аз эҳтимол дур аст, ки калимаи юнонии «интихобшуда» («эклекте») дар якҷоягӣ бо унвони «бону» маънои исми хосро дошта бошад – «бону Интихобшуда».
2. (ояти 3) Дар матни интиқодии юнонӣ (НА) ва дар бисёрии дастнависҳо «бо мо» навишта шудааст. Калимаҳои юнонии шумо/ мо, шуморо/ моро танҳо бо як ҳарф фарқ мекунанд, аз ин рӯ, ҳангоми нусхабардории Навишта ғалате роҳ ёфта метавонист. (Масалан, ояти 8-ро муқоиса кунед, ки мувофиқи матни интиқодӣ, на «диҳем», балки «диҳед» хондан даркор аст.)
3. (ояти 7) Ниг. «Муқаддима» ба Кулассиён, ки он ҷо дар бораи гностисизм гуфта мешавад.
4. (оятҳои 10-11) C. F. Hogg, *What Saith the Scripture?* саҳ. 143.

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Номаи якуми Юҳанно нигаред.

# НОМАИ СЕЮМИ ЮҲАННО

*Умуман ин назари сатҳӣ ба ҳаёти давраи расулон аз донишҷӯӣ дарки амиқро металабад. Вазъи ҳол, ки ин ҷо тасвир шудааст, аз камолот дур аст, аммо ба нафъи озодӣ ва қуввати имони нумуёбанда шаҳодат медиҳад.*

Б. Ф. Весткотт

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Ҳатто Номаи сеюми Юҳанно, ки дар Аҳди Нав кӯтоҳтарин аст (дар нусхаи асл аз 2Юҳанно як сатр камтар), ҳақиқати Худоро оид ба он тасвир мекунад, ки «тамоми Навишта фоиданок аст». Чун дар 2Юҳанно, ки он ҷо муҳаббат дар ҷасорати қабул накардани онҳое нишон дода шудааст, ки ҳақиқатро таълим намедиҳанд, дар 3Юҳанно зуҳуроти нозуки муҳаббат дар мусоидат ба онҳое нишон дода шудааст, ки ҳақиқатро таълим дода, пеш мераванд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Шаҳодати берунӣ барои 3Юҳанно монанди шаҳодат барои 2Юҳанно аст. Ин мактубҳо чунон кӯтоҳ ва чунон шахсӣ ҳастанд, ки пайхас кардан душвор нест, ки чаро ба онҳо шаҳодати бештаре, масалан, чун дар 1Юҳанно, намерасад.

Ориген ва Евсевий 3Юҳанноро чун «антилегомена», ё китобҳои баҳснок ҳисоб мекунанд. Климент ва Дионисий низ, ба монанди Кирилли Уршалимӣ, 3Юҳанноро қабул мекарданд. Шаҳодати қонуни Мураторӣ аниқнашуда аст.

Шаҳодати дохилӣ ин номаро бо 2Юҳанно ва, албатта, бо 1Юҳанно наздик мекунад. Ҳамаи се нома дар якҷоягӣ аслӣ будани худро тасдиқ мекунанд.

Барои шубҳа кардан ба ақидаи анъанавӣ ҳеҷ асосе нест, ки мувофиқи он расул Юҳанно 3Юҳанноро дар баробари ду номае ки ба вай мансуб дониста мешавад, навиштааст.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Чун дар мавриди 1 ва 2Юҳанно, ду санаи асосӣ пешниҳод мешаванд. Агар Юҳанно аз Уршалим то вайрон карда шудани он навишта бошад, пас санаи эҳтимолӣ дар солҳои 60-ум аст. Бисёрии олимон ба ақидае моиланд, ки мактуб дертар, замоне ки Юҳанно дар Эфесус зиндагӣ ва хизмат мекард, навишта шудааст. Ҳамин тариқ, санаи маъмулан қабулшуда солҳои 85-90-ум аст.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Заминаи таърихии ин мактуби хурд ба мо оид ба ҳаёти калисо дар охири асри якум тасаввуроти равшан медиҳад. Расул бо якчанд хаткашии возеҳи қалам се хислатро тасвир кардааст: Ғоюс – меҳмоннавоз ва рӯҳонӣ, Димитриюс – шоистаи таҳсин ва Диютрифас – манфиатҷӯй ва бемуҳаббат. Диютрифас ифодагари шахсияти қавии худхоҳ буда метавонад, ки дар ҳар калисо ба осонӣ пайдо карда мумкин аст. Аз тарафи дигар, вай метавонад ифодагари он равише бошад, ки калисоро як шахс танҳо роҳбарӣ мекунад, бар хилофи пештара, ки калисоро якчанд пири ваколаташон баробар идора мекарданд. Ин тамоюли охир дар асри дуюм ва дертар дар «усқуфияти монархӣ» (ҳукмронии як назораткунанда ё усқуф) инкишоф ёфт.

# Нақша

I. ДУРУД (1-4)
II. ҒОЮСИ ТАҚВОДОР (5-8)
III. ДИЮТРИФАСИ ҲУКМФАРМО (9-11)
IV. ДИМИТРИЮСИ ХУДОТАРС (12)
V. НАҚШАҲОИ РАСУЛ ВА БАРАКАТДИҲӢ (13-15)

# Тафсир

## I. ДУРУД (1-4)

**Ояти 1** Чун дар Номаи якум, Юҳанно худро *пир* меномад. Вай номаро *ба Ғоюси маҳбуб, ки ӯро дар ростӣ дӯст* медорад, навиштааст. Агарчи мо намедонем, ки оё ин ҳамон Ғоюс аст, ки дар Румиён 16,23 ё дар Амалҳо 20,4 зикр шудааст, он чиз ҳайратовар аст, ки аз ин якчанд оят оид ба вай чӣ қадар маълумоти зиёд ба даст меорем. Пеш аз ҳама мо ба хулосае меоем, ки вай имондори дӯстдошта буд, шахсе ки тамоми ҳаёташ ба бародарон масеҳиён бахшида шудааст.

**Ояти 2** Аммо, аз афташ, вай ҷисман на он қадар солим буд, чунки Юҳанно ба вай *саломатии* ҷисмонии ба қувваи рӯҳонияш мувофиқро хоҳон аст. Ҳангоме ки Юҳанно чунин мегӯяд: *«Дуо мегӯям, ки ту саломат бошӣ ва дар ҳар чиз комёб шавӣ»*, аз эҳтимол дур аст, ки вай оид ба сарват ё равнақи моддӣ фикр мекунад. Аниқтараш, вай оид ба беҳбудии ҷисмонӣ мегӯяд, ва ин аз суханони оянда аён аст: *«чунон ки ҷони ту комёб аст»*.

Оё мо мехоҳем, ки ҳолати ҷисмонии мо ба ҳолати рӯҳониямон мувофиқат кунад? Оё ин ҳақиқати аламовар нест, ки мо оид ба ҷисмҳоямон бештар аз ҷонҳоямон ғамхорӣ мекунем?

Маҳз барои ҳамин Ф. Б. Мейер гуфта буд:

*Барои ҳамаи дӯстонамон хостани ҳамаи он чи дар ояти 2 навишта шудааст, бемаъност, чунки агар ҳолати ҷисми онҳо бо ҳолати ҷонашон мувофиқат мекард, онҳо ногаҳон бемор мебаромаданд.*[1]

Ояти 2 он чиро, ки воизони номниҳоди «шифо бо имон» таълим медиҳанд, қотеона рад мекунад. Онҳо изҳор менамоянд, ки ҳар гуна бемори натиҷаи гуноҳ аст ва агар одам бемор бошад, ин аз боиси камии имон аст. Табиист, ки ин дар мавриди Ғоюс дуруст набуд. Ҳолати рӯҳонии вай хуб, ҳолати ҷисмонияш бошад бад буд. Аз ин бояд хулоса намуд, ки оид ба ҳолати рӯҳонӣ аз рӯи ҳолати ҷисмонии касе баҳо додан мумкин нест.

**Ояти 3** Расул *бағоят хурсанд шуд, вақте ки бародарон омада, дар бораи ростии* Ғоюс ва чӣ гуна *дар ростӣ рафтор кардани* вай *шаҳодат доданд.* Ростиро дар худ доштан хуб аст, аммо дар ҳаёт зоҳир намудани ростӣ беҳтар аст. Мо бояд на танҳо ростиро дар худ нигоҳ дорем, балки ба он имкон диҳем, ки моро нигоҳ дорад. Одамон дидани мавъизаро аз шунидани он афзалтар медонанд. Дар асри фактҳо чизе аз ҳаёти пок арзишноктар нест.

**Ояти 4** Ин барои Юҳанно чунон муҳим буд, ки вай зикр намуд: *«Барои ман хурсандии бештаре нест аз шунидани он ки фарзандони ман дар ростӣ рафтор мекунанд»*. Эҳтимол, бисёрии мо ба даст овардани ҷонҳо барои Худоро хурсандии калонтарини ҳаёти масеҳиёна меҳисобанд, ва ин ҳақиқатан хеле хуб аст: дидани мардон ва занone ки аз подшоҳии зулмот ба подшоҳии Писари дӯстдоштаи Ӯ мегузаранд. Аммо кӣ чен мекунад азоби дилро аз дидани онҳое ки даъвои наҷотёфтагӣ доштанд, аммо ба ҳаёти пештара баргаштанд, чун хуке ки ба ифлосӣ бармегардад ва саге ки ба қайи худ бармегардад. Баръакс, аз дидани фарзандони рӯҳонӣ, ки барои Худованд зиндагӣ мекунанд, аз файз ба файз рушд менамоянд, дил ба ваҷд меояд. Ин ҷо боз аҳамияти парастории баъдина пас аз ҳамаи саъю кӯшишҳои расонидани Хушхабар таъкид карда мешавад.

## II. ҒОЮСИ ТАҚВОДОР (5-8)

**Ояти 5** Кушодани дари хонаи худ барои ҳамаи онҳое ки бахри мавъизаи Хушхабар баромадаанд, ба Ғоюс хурсандии махсус мебахшид.

Вай на танҳо ба шиносҳояш, балки барои ношиносон низ меҳмоннавозии самимӣ зоҳир менамуд.[2] Юҳанно мегӯяд, ки Ғоюс ба ин хизмат дода шуда буд. Аз Инҷил аён аст, ки меҳмоннавозӣ дар назари Худо хеле муҳим аст. Қабул кардани фарзандони Худо бо қабул кардани Худи Худованд баробар аст (Мат. 25,40). Баръакс, қабул накардани хизматгорони Ӯ ҳамчун қабул накардани Ӯ дониста мешавад (Мат. 25,45). Ба ношиносон меҳмоннавозӣ зоҳир намуда, «баъзе касон, надониста, фариштагонро меҳмоннавозӣ кардаанд» (Ибр. 13,2). Бисёриҳо метавонанд шаҳодат диҳанд, ки ба шарофати меҳмоннавозӣ хӯроки хӯрӣ гӯё ба Шоми Худованд табдил меёфт (Луқ. 24,29-35), кӯдакон наҷот меёфтанд, ва оилаҳо ба Худованд наздиктар мешуданд.

**Ояти 6** Ин ҷо дар бораи мукофот сухан меравад. Некӯии Ғоюс ба тамоми *калисо* маълум буд. Гузашта аз ин, номи вай дар Каломи муқаддаси Худо ҷовидона ҳамчун номи шахсе ки дари хона ва дилаш ҳамеша кушода буд, сабт гардидааст. Ва аз ҳама муҳимтар ин аст: Ғоюс дар доварии Масеҳ мукофотонида мешавад, чунки «ҳар кӣ пайғамбарро ба номи пайғамбар қабул кунад, подоши пайғамбарро меёбад» (Мат. 10,41). Вай подоши ҳамаи воизони қабулкардаашро бо ҳам хоҳад дид. Онҳое ки мавъиза карда наметавонанд, бояд инро дар ёд нигоҳ доранд: шумо аз номи Худованд ба воизон меҳмоннавозӣ карда, подоши воизро гирифта метавонед. Худо барои корҳои некатон ба шумо подош хоҳад дод! Марҳамати Ӯ некӯии одамро сарфароз мегардонад.

Сипас Юҳанно ба Ғоюс ёдрас мекунад, ки вай *рафтори хубе мекунад, агар онҳоро гусел намояд, чунон ки ба ҳузури Худо шоиста аст. Онҳоро гусел намудан* – на танҳо дӯстона хайрухуш кардан, балки барои сафар захираи даркории хӯроквbooрӣ додан аст. Табиист, ки ин ҷо меъёри баланди рафтор пешниҳод шудааст, ки мувофиқи он мо бояд аз неъматҳои моддии худ ба онҳое ки мавъиза мекунанд ва таълим медиҳанд, бидиҳем.

**Ояти 7** Акнун сабаби махсусе баён мегардад, ки Ғоюс аз боиси он бояд ба муждабарони мусофир ёрӣ диҳад: *зеро ки онҳо ба хотири исми Ӯ сафар кардаанд, дар ҳолате ки аз халқҳо кӯмак нагирифтаанд*. Дар қонеъ кардани эҳтиёҷоти худ ин одамон танҳо ба Худованд умед мебастанд. Онҳо аз беимонон ёриро қабул намекарданд. Агар ин тавр мекарданд, Худованди худро дар камбағалии беандоза ва таъмин карда натавонистани онҳо айбдор менамуданд. Ин ҳамчунин ба одамони наҷотнаёфта сабаби бардурӯғе медиҳад, то дар росткории худ боварӣ ҳосил намоянд ва бо ин осуда шаванд. Чӣ сарзанишест барои усулҳои пулёбии олами масеҳии ҳозира! Ва чӣ огоҳкуниест оид ба уҳдадориҳои мо дар назди хизматгорони Худованд, ки бо имон ба Худои зинда қадамгузор мебошанд ва ғайр аз Худо ба ҳеҷ каси дигар оид ба эҳтиёҷоти худ намегӯянд.

**Ояти 8** *Пас мо бояд чунин шахсонро дастгирӣ намоем, то ки дар кори ростӣ шарик шавем. Дастгирӣ*[3] *намудани* воизон – барои ба онҳо ёрӣ додан тамоми кӯшишҳоро ба харҷ додан аст, зеро бо чунин рафтор мо барои ба пеш ҳаракат кардани *ростӣ* ёрӣ мерасонем.

## III. ДИЮТРИФАСИ ҲУКМФАРМО (9-11)

**Ояти 9** Аз афташ, Юҳанно пештар ҳам ба ҳамон *калисо* мактуб навишта буд, аммо мактуби ӯ ба дасти *Диютрифас* ном касе афтид, ки оид ба аҳамиятнокии худ тасаввуроти муболиғанок дошт. Амалан вай дар ҷамоат ҳукмфармо буд. Вай аз вазъияти худ мағрур шуд, вайро худхоҳии беандоза ва рашки шадиде ба ҳамаи он чи бо ягон роҳе ба ҳуқуқи вай даҳолат менамуд, фаро гирифта буд, ки онро вай, бешубҳа, чун худмухтории калисои маҳаллӣ ҳимоя мекард. Диютрифас фаромӯш кард (агар умуман ягон вақт инро медонист), ки Сарвари калисо Масеҳ аст! Вай фаромӯш кард, ки Рӯҳулқудс Ҷонишин, ё Намояндаи Масеҳ дар Калисо аст. Ҳеҷ як одам ҳуқуқ надорад, ки айбномаҳо барорад, қарорҳо қабул кунад, ки меҳмонро қабул кунад ё накунад. Ин гуна рафтор ҳавобаландӣ аст, ва Худо аз ин нафрат дорад. Диютрифас рафтори худро бо он сафед карданӣ мешуд, ки барои ҳақиқат мубориза мебарад. Аммо, албатта, ин дурӯғ буд! Вай бо баҳонаи ба Худо вафодор будан расулро меҳмоннавозӣ накарда, ноаён ба ҳақиқат зарар мерасонд. Ва на танҳо ба Юҳанно, балки нисбати бародарони дигар низ меҳмоннавозӣ намекард.

**Ояти 10** Вай на танҳо ин имондорони ҳақиқиро қабул намекард, балки касонеро, ки онҳоро қабул мекарданд, аз калисо бадар

меронд. Вай савдозадаи ҳукмфармоӣ буда, хизматгорони ҳақиқии Худоро *суханони бад* мегуфт. Юҳанно ҳангоми боздид аз ҷамоат инро ба ӯ ёдрас мекунад! Каломи Худо ин гуна папаҳои номниҳодро рӯйрост маҳкум мекунад. Ҳукмфармоии онҳо дар ҷамъомадҳои пинҳонӣ, ҳукмронии хавф ва тарсонидан асос ёфтааст.

**Ояти 11** Юҳанно Ғоюсро даъват менамояд, ки ин гуна рафтори бадро рад карда, пайрави *некӣ* бошад. Корҳои нек баёнгари мушоракат бо *Худо* мебошанд. Ин вазъ, мувофиқи суханони расул, касро оид ба ҳолати рӯҳонии Диютрифас хавотир мекунад.

### IV. ДИМИТРИЮСИ ХУДОТАРС (12)

**Ояти 12** Эҳтимол, *Димитриюс* диҳандаи ин мактуб буд. Ба ҳар ҳол *дар бораи вай ҳама ва худи ростӣ низ шаҳодати нек додаанд.* Ф. Б. Ҳоул мегӯяд:

*Аҳамият диҳед, ки на вай дар бораи ҳақиқат, балки ҳақиқат дар бораи вай шаҳодат медод. Димитриюс меъёре набуд, ки ҳақиқат бо он муқоиса карда шавад. Ҳақиқат меъёре буд, ки вай бо он муқоиса карда мешуд; ва аз тафтиш гузашта, вай маъқул дониста шуд.*[4]

### V. НАҚШАҲОИ РАСУЛ ВА БАРАКАТДИҲӢ (13-15)

**Ояти 13-15** Юҳанно Номаи сеюмро қариб ба монанди Номаи дуюм ба анҷом мерасонад, – қаламро ба як тараф мегузорад ва умеди *гуфтугузори даҳонакиро* изҳор мекунад. Мо ба вай барои ин мактубҳо шукргузорем, ки имкони ба ҳаёти масеҳиёни аввалин назар андохтанро медиҳанд ва насиҳатҳои ҷовидониро барои мардони Худо баён мекунанд. Ба наздикӣ мо дар осмонҳо даҳонакӣ гуфтугӯ хоҳем кард ва он гоҳ баъзе ноаниқиҳои ваҳйи илоҳиро беҳтар хоҳем фаҳмид.

## Тавзеҳот

1. (ояти 2) F. B. Meyer, *Through the Bible Day by Day,* ҷ. VII, саҳ. 164-165.
2. (ояти 5) Дар матни интиқодӣ (НА) мехонем: «хусусан (юн. «тоуто») ба ношиносон».
3. (ояти 8) Дар матни НА «дастгирӣ намудан» («ҳуполамбанейн») аст, дар аксари матнҳо «қабул кардан» («аполамбанейн»).
4. (ояти 12) F. B. Hole, маълумоти бештаре нест.

## Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Номаи якуми Юҳанно нигаред.

# НОМАИ ЯҲУДО

*Ин Нома хурд аст, аммо он пур аз суханони боазамати файзи осмонӣ аст.*
Ориген

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Луқо таърихи масеҳиятро аз «Аъмоли расулон» сар мекунад, аммо Яҳудо даъват шудааст китоби пеш аз охирини Инҷилро нависад, ки ба таври муносиб «Аъмоли муртадон» номида шудааст. Яҳудо афзал медонад, ки андешаҳои худро оид ба имони муштараки масеҳӣ ба хонандагон расонад, аммо таълимоти дурӯғин ба андозае пахн шудаанд, ки вай маҷбур аст насиҳате нависад, то «дар роҳи имоне ки як бор ба муқаддасон супорида шуд, ҷадал намоянд».

Яҳудо суханҳоро мулоимтар баён намекунад! Бидъаткоронро фош карда, вай, чунон ки ба назар мерасад, ҳама гуна далелҳоро ба кор мебарад ва намунаҳоро аз табиат, Аҳди Қадим ва ривоятҳои яҳудӣ (Ҳанӯх) меоварад, то ки масеҳиёнро бедор кунад.

Бо вуҷуди тунд будани забон, Нома аз ҷиҳати сохт шоҳасар буда, пур аз сетогиҳо аст (мас. се бадӣ дар ояти 11). Тасвирҳои муртадон равшан ва фаромӯшнашаванда мебошанд.

Калисо аз Яҳудо барои баракатхоҳии зебое ки вай номаи худро бо он анҷом медиҳад, ҳамеша миннатдор хоҳад буд. Агарчи Номаи вай кӯтоҳ аст, он дар ин рӯзҳои муртадии афзудаистода хеле даркор мебошад.

### II. МУАЛЛИФӢ

#### Шаҳодати берунӣ

Номаи Яҳудо кӯтоҳ буда, дар он маводи ба қонуни шаръӣ тааллуқ надошта истифода шудаанд, ва онро расул нанавиштааст (о. 17), аммо шаҳодати берунии он аз шаҳодати 2Петрус қавитар аст.

Ҳермас, Поликарп ва эҳтимол, Афенагор маводеро истифода мебаранд, ки аз ин Нома гирифта шудаанд. Тертуллиан ба суханони Ҳанӯх, ки Яҳудо зикр кардааст, аниқ истинод мекунад. Евсевий Номаи Яҳудоро яке аз китобҳои баҳснок меҳисобад («антилегомена»). Рӯйхати қонуни Мураторӣ Номаи Яҳудоро аслӣ меҳисобад.

#### Шаҳодати дохилӣ

Номи Яҳудо номи хеле паҳншудаи яҳудӣ буд. Аз ҳафт Яҳудо дар Аҳди Нав се нафар чун «Яҳудо ... бародари Яъқуб», ки ин Номаро навиштааст, муаррифӣ шудаанд:

1. Расул Яҳудо (на Исқарют, ки худкушӣ кард). Дар ояти 17 муаллиф ошкоро мегӯяд, ки расул намебошад, агарчи ишора ба расулӣ мавқеи вайро тақвият медод. Пас эҳтимолияти муаллифи Нома будани ин номзад кам аст.
2. Яҳудо, яке аз онҳое ки дар байни бародарон сардор буда, ба Антокия бо Павлус Барнаббо ва Сило фиристода шуда буд (Аъм. 15,22). Шояд ин вай бошад, аммо ҳеҷ гуна далеле ин шахсро бо нома намепайвандад.
3. Яҳудо, бародари хурдии Худованди мо ва бародари Яъқуб (ниг. Муқаддима ба Номаи Яъқуб). Ин номзади мувофиқтарин аст, зеро ба монанди Худованд Исо ва Яъқуб, вай мисолҳо аз табиат ва услуби пуртаъсиру хушобурангро истифода мебурд. Мо ин нуқтаи назарро қабул мекунем.

Ба монанди бародари худ Яъқуб, Яҳудо хеле хоксор буда, аз хешовандӣ бо Наҷотдиҳанда суиистифода намекард. Дар ниҳояти кор, маҳз муносибатҳои рӯҳонӣ бо Худованд Исо аҳамият доранд. Магар Масеҳ нагуфтааст: «Ҳар кӣ хости Падари Маро, ки дар осмон аст,

ба ҷо оварад, ҳамон кас бародару хоҳару модари Ман аст» (Мат. 12,50)? Дар ҳолати дигар Ӯ таълим медод, ки на хешовандони аз ҷиҳати хун ба Ӯ наздик, балки онҳое ки Каломи Худоро мешунаванд ва онро риоя мекунанд, бештар саодатманд ҳастанд (Луқ. 11,27.28). Чун Яъқуб, Яҳудо мавқеи «банда»-ро ишғол намуд. Онҳо то дами растохези бародарашон ба илоҳияти Ӯ бовар намекарданд, пас рӯҳияи ғулом ин ҷо муносиб аст. Яҳудо оиладор буд ва ҳамроҳи занаш сафар карда, Хушхабарро мавъиза мекард (1Қур. 9,5). Дар солҳои 90-ум набераҳои Яҳудоро дар масеҳият айбдор намуда, назди қайсар Домисиан оварда буданд. Қайсар дастони аз меҳнати бисёрсолаи деҳқонӣ дағалшудаи онҳоро дида, онҳоро чун яҳудиёни бехатар озод намуд.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Савол оид ба он ки оё Петрус Номаи Яҳудоро истифода бурдааст ё Яҳудо Номаи дуюми Петрусро тағйир додааст (ё ҳар ду аз сарчашмаи умумӣ истифода бурдаанд), баҳснок мемонад. Ҳар ду нома хеле монананданд, ки мувофиқати тасодуфӣ буда наметавонад. Дар Номаи дуюми худ (2,1 ва 3,3) Петрус менависад, ки муаллимони дурӯғин ва масхарабозони беҳаё «пайдо хоҳанд шуд», Яҳудо бошад мегӯяд, ки чунин одамон «пинҳонӣ даромадаанд» (о. 4), ҳамин тариқ, шояд Яҳудо муаллифи дертар аст. Санаи байни 67 ва 80 қобили қабул буда метавонад. Яҳудо вайрон карда шудани Уршалимро (соли 70-уми милодӣ) дар ҳеҷ ҷой зикр намекунад. Аз ин тахмин кардан мумкин аст, ки шаҳр ҳанӯз вайрон нашуда буд, бинобар ин солҳои 67 то 70 имконпазиранд. Ҳамчунин тахмин кардан мумкин аст, ки шаҳр аллакай вайрон карда шудааст (агар Нома дар солҳои 80-уми милодӣ навишта шуда бошад, ё, агар Яҳудо умри хеле дароз дида бошад, ҳатто дар соли 85-ум). Он гоҳ Яҳудо аз он сабаб ба ин воқеа ишора намекунад, ки ин барои яҳудии масеҳӣ ҳанӯз хеле дарднок буд.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Яҳудоро муртадӣ ба ташвиш меоварад. Аллакай ҳамон вақт ба калисо хоинони динӣ ворид мешуданд, ки худро ходимони Худо вонамуд мекарданд, аммо дар асл душманони салиби Масеҳ буданд. Яҳудо қарор дод, ки ин хоинонро фош кунад ва ҳалокати ниҳоии онҳоро тасвир намояд.

Муртад шахсест, ки худро имондори ҳақиқӣ меномад, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ аз нав зода нашудааст. Вай метавонад таъмид гирад ва бо дигар аъзоёни калисои маҳаллии масеҳӣ мушоракат дошта бошад. Аммо пас аз муддате вай бошуурона аз имони масеҳӣ даст мекашад ва бадхоҳона Наҷотдиҳандаро инкор мекунад. Вай Худо будани Масеҳ, қурбонии Наҷотдиҳандаи Ӯ дар Ҷолҷолто, растохези ҷисмонии Ӯ ва дигар таълимотҳои асосиро рад мекунад.

Ин ҷо дар назар дошта нашудааст, ки шахси имондор ба ҳаёти пештара бармегардад; муртад умуман ҳеҷ гоҳ тавба накарда буд. Вай ҳеҷ гоҳ шубҳа надорад, ки бошуурона даст кашидан аз роҳи илоҳии наҷот дуруст аст. Вай дар беимонии худ устувор буда, якравона ба Худо Масеҳ мухолифат мекунад.

Муртадӣ на фақат даст кашидан аз Наҷотдиҳанда аст. Петрус низ инкор карда буд. Петрус имондори ҳақиқӣ буд, ки дар лаҳзаи душвор ба бори вазнин тоб наовард. Аммо вай Худовандро самимона дӯст медошт ва ҳаққонияти имони худро бо тавба ва барқароршавӣ исбот намуд.

Яҳудои Исқарют муртад буд. Вай худро шогирд меҳисобид: қариб се сол вай ҳамроҳи Худованд Исо мегашт. Вай ҳатто дар байни шогирдон хазиначӣ буд, аммо дар охир Худовандро дар ивази сӣ тангаи нуқра таслим намуда, феъли ҳақиқии худро аён кард.

Муртадӣ гуноҳест, ки ба марг мебарад, ва шахсе ки гуноҳ кардааст, сазовори он нест, ки имондорон барои омурзиши вай дуо гӯянд (1Юҳ. 5,16). Муртадро бо тавба аз нав барқарор кардан имкон надорад, зеро вай дар худ Писари Худоро ба салиб мекашад ва беобрӯ мекунад (Ибр. 6,6). Барои онҳое ки дониши ҳақиқатро ба даст овардаанд ва дидаву дониста гуноҳ мекунанд, «дигар қурбоние барои кафорати гуноҳ боқӣ намемонад, балки кадом як интизории пурдаҳшати доварӣ ва шиддати оташе ки душманони Худоро ба коми худ мекашад» (Ибр. 10,26.27).

Тухми муртадӣ ҳанӯз дар ибтидои масеҳият кошта шуда буд. Павлус пирони

калисои Эфесусро огоҳ карда буд, ки баъди рафтани вай назди онҳо гургони бадхашм меоянд, ки ба рама раҳм намекунанд, ва аз байни онҳо одамоне бармехезанд, ки таҳрифкорона сухан мегӯянд, то шогирдонро аз пайи худ баранд (Аъм. 20,29.30). Дар Номаи якуми худ Юҳанно оид ба зиддимасеҳон сухан меронд, ки дар мушоракати масеҳӣ буданд, аммо аз он баромаданд, яъне аз имон баргаштанд (1Юҳ. 2,18.19).

Аз 2Тасолуникиён 2,2-4 мо мефаҳмем, ки пеш аз рӯзи Худованд муртадии калоне ба амал меояд. Чунон ки мо мефаҳмем, тартиби он чунин мешавад:

Дар аввал Худованд аз осмон фуруд меояд, то ки Калисои Худро ба хонаи Падар гирифта барад (Юҳ. 14,1-3; 1Тас. 4,13-18).

Сипас муртадии умумии ба ном масеҳиён, ки дар замин гузошта шудаанд, воқеъ мегардад.

Сипас ба саҳнаи ҷаҳон марди гуноҳ қадам мегузорад.

Сипас рӯзи Худованд – давраи ҳафтсолаи мусибат сар мешавад.

Марди гуноҳ муртаде хоҳад буд, ки на танҳо ба Масеҳ мухолифат мекунад, балки талаб мекунад, ки худи вайро чун Худо парастиш кунанд.

Петрус муаллимони дурӯғин-муртадонро муфассал тасвир мекунад (2Пет. 2). Дар баъзе ҳолатҳо тасвири вай бо тасвири Яҳудо қариб як аст. Оятҳои зеринро муқоиса карда, шабоҳатро пай бурдан мумкин аст:

| **Яҳудо** | **2Петрус** |
|---|---|
| Ояти 4 | 2,1-3 |
| Ояти 7 | 2,6 |
| Ояти 8 | 2,10 |
| Ояти 9 | 2,11 |
| Ояти 10 | 2,12 |
| Ояти 16 | 2,18 |

Аммо дар асл фарқҳо дар байни ду нома аз шабоҳатҳо бештар аҳамият доранд. Яҳудо Нӯҳ, тӯфон ва Лутро умуман зикр намекунад. Петрус исроилиёни аз замини Миср баромада, Микоил, Қобил, Қӯраҳ ё пайғамбарии Ҳанӯхро зикр намекунад. Бар хилофи Яҳудо, вай оид ба фариштагони гуноҳкоршуда маълумоти зиёд намеоварад. Вай оид ба муаллимони дурӯғин мегӯяд, ки Худованди бозхаридкунандаи онҳоро инкор мекарданд, Яҳудо бошад батафсил мегӯяд, ки онҳо «файзи Худои моро ба фисқу фуҷур табдил медиҳанд ва Парвардигори ягона ва Исои Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд» (Яҳ. 4).

Ҳамин тариқ, ба ҷои изҳори ақидаҳо оид ба нусхаи якдигар будани ин ду нома мо бояд фаҳмем, ки Рӯҳулқудс маводи даркориро интихоб намуд, то дар ҳар як маврид ба мақсади Худ расад, ва ин ду боб на он қадар ба ҳам монанд мебошанд, чунон ки ба назар тофта метавонад. Онҳое ки чор Инҷилро омӯхтаанд ва Эфесусиёнро бо Кулассиён муқоиса намудаанд, мефаҳманд, ки рӯҳи Худо ҳеҷ гоҳ беҳуда такрор намекунад. Дар монандиҳо ва фарқиятҳо маънои рӯҳонӣ нуҳуфтааст, албатта, агар мо онро дидан хоҳем.

# Нақша

I. ДУРУД (1.2)
II. ФОШ КАРДАНИ МУРТАДОН (3-16)
III. НАҚШИ ИМОНДОР ДАР БАЙНИ МУРТАДӢ (17-23)
IV. БАРАКАТХОҲИИ ЗЕБО (24.25)

# Тафсир

## I. ДУРУД (1-2)

**Ояти 1** Худо *Яҳудои* одилро барои фош кардани муртадон ба кор бурд, ки дар байнашон боз як Яҳудо буд: Яҳудои Искарют. Ҳамаи он чи мо оид ба Яҳудои хуб аниқ медонем, ҳамин аст, ки *вай бандаи Исои Масеҳ ва бародари Яъқуб* буд.

Дар мактуб Яҳудо ба имондорони ҳақиқӣ муроҷиат намуда, онҳоро аз се ҷиҳат тасвия медиҳад. Онҳо *даъват шудаанд, дар Худои Падар муқаддас гардидаанд ва дар Исои Масеҳ нигоҳ дошта шудаанд.* Худо онҳоро аз ҷаҳон ба воситаи Хушхабар *даъват* намуд, то ки ба Ӯ таалluқ дошта бошанд. *Худо* онҳоро интихоб намудааст, то халқи махсус, муқаддаси Худо бошанд. Онҳо то даме ки Подшоҳро дар ҷалоли Ӯ дида тавонанд, ба таври муъҷизаосо аз хатар, зиён ва лаънат нигоҳ дошта шудаанд.

**Ояти 2** Яҳудо ба хонандагони худ *марҳамат, осоиш ва муҳаббат* мехоҳад. Дуруд махсусан ба онҳое даркор аст, ки дучори ҳамлаҳои одамоне мешаванд, ки имонро беэътибор карданӣ ҳастанд. *Марҳамат* ин ҷо тасаллои ҳамдардонаи Худо ва ғамхории Ӯст оид ба муқаддасони Худ, ки дар давраи душманӣ ва ҳамлаҳо аз ҳама тараф дар муҳосира ҳастанд. Осоиш оромиш ва дилпурӣ аст, ки асоси он дар боварӣ ба Каломи Худо ва дар паси ҳамаи вазъиятҳо дидани Он Касест, ки барои расидан ба мақсадҳои Худ ин вазъиятҳоро идора мекунад. *Муҳаббат* одамони барояш азизро ба оғӯш гирифтани Худост, ин ҳусни таваҷҷуҳест, ки ба дигарон низ зоҳир кардан лозим аст.

Вай мехоҳад, ки ин се баракат *фаровон* бошанд. Ва на бо ҷамъи одӣ, балки бо зарб задан ҳисоб карда шаванд!

## II. ФОШ КАРДАНИ МУРТАДОН (3-16)

**Ояти 3** Дар аввал Яҳудо мехост оид ба *наҷоти* пуршукӯҳе ки моли *муштараки* ҳамаи имондорон аст, *нависад.* Аммо рӯҳи Худо котибро чунон ҳидоят намуд, ки вай дигар шудани самтро ҳис кард. Вай дигар нахост фақат таълимотро баён кунад; мактуби вай бояд муроҷиати пурҳарорате бошад, ки хонандагонро устувор гардонад. Онҳоро даъват кардан лозим буд, ки *дар роҳи имон ҷадал намоянд.* Ҳуҷумҳо ба захираи муқаддаси ҳақиқати масеҳӣ давом доштанд, ва аллакай кӯшишҳои беқадр кардани таълимоти асосӣ ҷой доштанд. Халқи Худо бояд илҳоми илоҳӣ доштан, бехато будан, эътиборнокӣ ва кофӣ будани Каломи Худоро бесозиш ҷонибдорӣ кунанд.

Аммо, барои имон мубориза бурда, имондор бояд чун масеҳӣ сухан гӯяд ва амал намояд. Зеро Павлус гуфтааст: «Лекин бандаи Худованд набояд ҷанҷол кунад, балки бо ҳама меҳрубон, омӯзгор ва сабур бошад» (2Тим. 2,24). Вай бояд ҷадал намояд, аммо набояд ҷанҷолӣ бошад, ва шаҳодати худро вайрон накарда шаҳодат диҳад.

Мо барои имон, ки як бор ба муқаддасон супурда шуда буд, ҷадал менамоем. Ба ин чиз аҳамият диҳед: на «боре дар гузашта», балки *як бор* барои ҳамеша! Таълимот тамоми пуррагиро дорост. Қонуни шаръӣ ба анҷом расидааст. Ба он чизеро илова кардан имконнопазир аст. «Агар ин нав бошад – яъне ҳақиқӣ нест, ва агар ҳақиқӣ бошад – яъне нав нест». Ҳангоме муаллиме изҳор мекунад, ки берун аз он чи дар Навиштаи Муқаддас баён шудааст, аз олами боло ваҳйе дорад, мо онро пурра рад мекунем. Мо имонро қабул кардаем ва ба чизи дигаре эҳтиёҷ надорем, мо ба чизи дигар аҳамият намедиҳем. Ин ҷавоби мост ба ходимони мазҳабҳои дурӯғин бо асарҳои онҳо, ки даъвои эътибори баробар бо Навиштаи Муқаддасро доранд.

**Ояти 4** Хислати хатар дар ояти 4 ошкор карда шудааст. Ба ҷамоати масеҳӣ унсурҳои вайронкунанда ворид шудаанд. *Баъзе касон* ноаён *даромадаанд.* Ин ҳаракати пинҳонкор бо фиребу ҳила амал мекард.

Ин одамон *кайҳо барои ин маҳкумият муқаррар шуда буданд.* Чунин ба назар мерасад, ки ин ҷо сухан оид ба он аст, ки Худо фардҳои алоҳидаро барои маҳкумият ва лаънат интихоб намудааст. Аммо маънои ин суханон дигар аст. Навиштаи Муқаддас ҳеҷ гоҳ таълим намедиҳанд, ки касе барои лаънат интихоб карда мешавад. Ҳангоме ки одамон наҷот пайдо мекунанд, ин ба шарофати файзи соҳибихтиёри Худо ба амал меояд. Аммо ҳангоме ки онҳо барои ҳамеша ҳалок мешаванд, ин натиҷаи гуноҳ ва беитоатии худи онҳост.

Калимаҳои овардашуда таълим медиҳанд, ки *маҳкумияти* муртадон аллакай

муайян шудааст. Агар одамон аз имони масеҳӣ даст кашиданро интихоб кунанд, онҳоро ҳамин гуна маҳкумияте интизор аст, ки исроилиёни беимонро дар биёбон, фариштагони исёнкорро ва сокинони Садӯмро интизор буд. Афтидани онҳо пешакӣ муайян карда нашуда буд, аммо ҳамин ки онҳо аз рӯи интихоби худ аз имон дур мешаванд, онҳо ба ҷазое ки барои ҳамаи муртадон муқаррар карда шудааст, рӯ ба рӯ мешаванд.

Одамони исёнкор ду хусусияти назаррас доранд: рафтори фосиқона ва таълимоти вайроншуда. Бо рафтори худ онҳо *файзи Худои моро ба бадахлоқӣ табдил медиҳанд*. Онҳо озодии масеҳиёнаро ба бебанду борӣ табдил медиҳанд ва озодии хизматро таҳриф карда, ба озодии гуноҳ кардан мубаддал мекунанд. Дар таълимоти худ онҳо *Парвардигори*[1] *ягона ва Исои Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд*. Онҳо ҳаққи мутлақи идоракунии Ӯ, Худо будани Ӯ, марги ивазкунанда ва растохези Ӯро *инкор мекунанд* – амалан ҳамаи таълимотҳои муҳимро оид ба Шахсият ва корҳои Ӯ *инкор мекунанд*. Либерализми беандозаро дар соҳаи рӯҳонӣ тарғиб намуда, онҳо бо қатъият ва бадхоҳона ба Хушхабар мухолифат мекунанд, хуни гаронбаҳои Ӯро қадр намекунанд ва Ӯро чун роҳи ягонаи наҷот эътироф наменамоянд.

Ин одамон киҳоянд? Онҳо ходимони номниҳоди Хушхабар ҳастанд. Онҳо дар ҷаҳони масеҳӣ мавқеи роҳбарикунандаро ишғол мекунанд. Дар байни онҳо усқуфон, аъзоёни шурои калисо ва профессорҳои семинарияҳо ҳастанд. Аммо ҳамаи онҳоро як чиз муттаҳид месозад: онҳо Масеҳи Навиштаи Муқаддасро эътироф намекунанд ва барои худ «Масеҳ»-и либералӣ[2] ё нео-ортодоксалиро[3] ихтироъ намуда, Ӯро аз ҷалол, азамат, соҳибихтиёрӣ ва қудрат маҳрум кардаанд.

**Ояти 5** Ҳеҷ шубҳае нест, ки Худо ба ин муртадон чӣ муносибате мекунад. Ӯ инро дар як қатор воқеаҳо дар Аҳди Қадим нишон дод. Яҳудо ба хонандагони худ сето ин гуна мисолро *хотиррасон намуданист:* исроилиёни беимон, фариштагони гуноҳкарда ва сокинони Садӯм ва Амуро.

Мисоли якум – халқи Исроил дар биёбон аст: *Худованд қавмро аз замини Миср халос кард, баъд беимононро ба ҳалокат расонд* (ниг. Ад. 13 ва 14; 1Қур. 10,5-10). Худо ба одамон замини Канъонро ваъда кард. Ин ваъда тамоми некӯиҳоеро, ки қавм ба онҳо эҳтиёҷ доштанд, дар бар мегирифт. Аммо онҳо хабарҳои бади ҷосусони ба Қодеш рафтаро кабул карданд ва бар Парвардигор исён карданд. Дар натиҷа ҳамаи онҳое ки аз Миср баромада буданд, аз бистсола ва зиёда аз он, дар биёбон мурданд, ба ғайр аз Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун (ниг. Ибр. 3,16-19).

**Ояти 6** Намунаи дуюми исён ва хиёнат – *фариштагони* афтода мебошанд. Мо оид ба онҳо фақат инро аниқ медонем, ки онҳо *мартабаи* барояшон атошударо *маҳфуз надоштанд,* аз *манзили худ* даст кашиданд ва акнун *дар қайду банди абадӣ, дар торикӣ* нигоҳ дошта шуда, интизори *доварии* ниҳоӣ ҳастанд.

Дар Навиштаи Муқаддас камаш ду муртадии фариштагон тасвир шудааст. Аввалӣ ҳангоме воқеъ шуд, ки Лусифер гуноҳ кард, ва аз афташ, ба шӯриши худ бисёр фариштагони дигарро ҷалб намуд. Ин фариштагони афтода ҳозир дар банд нестанд. Иблис ва девҳои вай бар зидди Худованд ва халқи Ӯ фаъолона ҷанг мекунанд.

Муртадии дуюми фариштагонро дар Яҳудо ва Петрус (2Пет. 2,4) пайдо мекунем. Илоҳиётшиносон оид ба воқеаи дар ин ҷо зикршуда ихтилофи ақида доранд. Мо на тасдиқи таълимотии факт, балки нуқтаи назари худро пешниҳод мекунем.

Мо ақида дорем, ки Яҳудо ба воқеае истинод меоварад, ки дар Ҳастӣ 6,1-7 навишта шудааст. Писарони Худо манзилеро, ки ба онҳо чун ба фариштагон муносиб буд, тарк карда, ба замин фаромаданд ва дар шакли одамӣ духтарони одамиро ба занӣ гирифтанд. Ин гуна никоҳҳо ба муқаррароти Худо ихтилоф дошта, дар назари Ӯ нафратангез буданд. Аз ояти 4 тахмин кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи ин никоҳҳои ғайритабиӣ фарзандони беандоза пурқувват ва пур аз бадкирдорӣ ба дунё меомаданд. Хоҳ ҳамин тавр бошад ва хоҳ не, як чиз аниқ аст: Худо аз фосид шудани ахлоқи инсоният дар он замон хеле хашмгин буд ва қарор дод, ки заминро бо тӯфон нест кунад.

Ба ин нуқтаи назар се эътироз ҳаст: 1) дар ин порчаи китоби Ҳастӣ калимаи «фариштагон» нест, балки фақат «писарони Худо» гуфта шудааст; 2) фариштагон ҷинс надоранд; 3) фариштагон ба никоҳ намедароянд.

Дуруст аст, ки фариштагон ин ҷо рӯйрост номбар нашудаанд, аммо он низ дуруст аст, ки

дар забонҳои сомӣ истилоҳи «писарони Худо» фариштагонро дар назар дорад (ниг. Айюб 1,6; 2,1).

Дар ҳеҷ ҷои Навиштаи Муқаддас гуфта нашудааст, ки фариштагон ҷинс надоранд. Баъзан фариштагон ба замин дар шакли одамӣ мефаромаданд ва ҳамон эҳтиёҷотеро доштанд, ки одамон доранд (Ҳас. 18,2.22; муқоиса кунед 19,1.3-5).

Дар Навиштаи Муқаддас гуфта нашудааст, ки фариштагон ба никоҳ намедароянд, балки фақат зикр шудааст, ки онҳо *дар осмон* зан намегиранд ва ба шавҳар намебароянд (Мат. 22,30).

Новобаста ба он ки дар асоси ояти 6 кадом ҳодисаи таърихист, он чиз муҳим аст, ки ин фариштагон аз ҷои муқарраркардаи Худо даст кашиданд ва акнун то замони ба таври ниҳоӣ ба ҳалокат маҳкум шудан дар *банди абадӣ, дар торикӣ* нигоҳ дошта мешаванд.

**Ояти 7** Муртадии сеюм дар Аҳди Қадим, ки Яҳудо зикр мекунад, бо *Садӯм ва Амуро ва шаҳрҳои атрофашон* вобаста аст (Ҳас. 18,16-19,29). Калимаи якуми «ҳамчунин» нишон медиҳад, ки гуноҳи сокинони Садӯм аз бисёр ҷиҳат бо гуноҳи фариштагон монанд буд. Ин бадахлоқии гӯшношунид комилан мухолифи табиат ва барои Худо нафратовар буд.

Гуноҳи махсуси ғайритабииро Павлус дар Нома ба Румиён тасвир кардааст: «... занони онҳо ҷимои табииро бо ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд. Ҳамчунин мардон ҷимои табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд, ва мард бо мард ба кирдори нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худ диданд» (Рум. 1,26.27). Сокинони Садӯм, Амуро, Адмо ва Сабуим ба ҳомосексуализм дода шуда буданд. Ин ҷо гуноҳ чун *ба зино дода шудан ва аз пайи шаҳватҳои ғайритабиӣ рафтан* тасвир шудааст ва дар назар дорад, ки ин комилан мухолифи табиат ва тартиби муқарраркардаи Худо мебошад.

Оё ин тасодуфист, ки бисёрии муртадони ҳозира дар сафи пеши онҳое мебошанд, ки ҳомосексуализмро дар назди омма ҳимоя мекунанд ва дар маъракаҳои қонунигардонии он иштирок мекунанд, агар кунандагони ин корҳо шахсони болиғ бошанд ва чунин муносибатҳо бо розигии тарафайн бошанд?

Барои ҳамаи либералҳо шаҳрҳои Садӯм ва Амуро *гирифтори ҷазои оташи абадӣ гардида, ҳамчун дарси ибрат* муқаррар карда шудаанд. Ибораи *«оташи абадӣ»* на ба маънои ҷовидонӣ будани оташест, ки шаҳрҳои фасодкорро нобуд кард. Аниқтараш, ин ҷо пуррагӣ ва паҳноварии қувваи фурӯбарандаи оташ дар назар дошта шудааст, ки рамзи ҷазои ҷовидоние мебошад, ки бар ҳамаи исёнкорон фурӯ хоҳад рехт.

**Ояти 8** Яҳудо ба мавзуи муртадони ҳозира баргашта, гуноҳҳои онҳо, айбдоркуниҳои зидди онҳо, ҳамонандҳои онҳо дар табиат, ҳалокати онҳо ва кирдору рафтори бехудоёнаи онҳоро тасвир менамояд (о. 8-16).

Пеш аз ҳама сухан дар бораи гуноҳҳои онҳо меравад. Онҳо бо орзу кардан *ҷисмро палид месозанд*. Фикрҳои онҳо нопок аст. Дар ҷаҳони хобу хаёлҳои палид зиста, онҳо дар ниҳояти кор орзуҳои худро амалӣ мегардонанд ва чун сокинони Садӯм ба бадахлоқиҳои ҷинсӣ дода мешаванд.

Онҳо *сардоронро рад мекунанд*. Онҳо бар зидди Худо ва бар зидди идораҳои ҳукуматӣ исён мекунанд. Ба онҳо вобаста будан – тарафдори беқонунӣ ва анархия будан аст. Номҳои онҳо ба рӯйхати ташкилотҳое дохил карда шудаанд, ки барои сарнагун кардани ҳукуматҳо мубориза мебаранд.

Онҳо *дар ҳаққи олимақомон буҳтон мегӯянд*. Суханони: «... ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад; ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд» (Рум. 13,1) барои онҳо маъное надоранд. Онҳо аз ин фармони Худо нафрат доранд: «... ба раисе ки дар қавми туст, лаънат нагӯй» (Хур. 22,28). Онҳо бар зидди ҳама гуна ҳокимият, ҳам илоҳӣ, ҳам фариштавӣ ва ҳам одамӣ бо таҳқир ва кина сухан мегӯянд.

**Ояти 9** Аз ин ҷиҳат онҳо чунон бебанду бориеро ба худ раво мебинанд, ки ҳатто *фариштаи муқарраб Микоил* ба худ раво намедид. Ҳангоме ки вай *бо иблис сухан ронда, дар бораи ҷасади Мусо* сухан меронд, *ҷуръат накард, ки ҳукми мазамматкунандае ба забон ронад, балки гуфт: «Худованд туро ҷазо диҳад»*. Ин ҷо Яҳудо ба мо воқеаеро нақл мекунад, ки дигар дар ҳеҷ ҷои Навиштаи Муқаддас зикр намешавад. Табиист, ки саволе ба миён меояд: вай ин маълумотро аз куҷо гирифтааст?

Баъзеҳо мегӯянд, ки ин маълумотҳо аз рӯи анъана аз насл ба насл мегузаштанд. Шояд ин тавр ҳам набошад.

Маънидоди бештар қаноатбахш чунин аст: ин маълумотҳоро Ҳамон Рӯҳулқудс, ки Яҳудоро ба навиштани Нома ҳидоят кард, барояш ба таври фавқуттабиӣ ошкор намуд.

Мо намедонем, ки чаро байни Микоил ва иблис *дар бораи ҷасади Мусо* баҳс воқеъ шуд. Мо медонем, ки Мусоро Худо дар кӯҳҳои Мӯоб дафн кардааст. Пурра имконпазир аст, ки иблис ин ҷойро донистан мехост, то дар он ҷо муқаддасгоҳе барпо кунад. Он гоҳ Исроил ба турбати Мусо саҷда карда, ба бутпарастӣ бармегашт. Чун намояндаи халқи Исроил (Дон. 10,21) фариштаи муқарраб Микоил ҷои дафнро ниҳон дошта, мекӯшид одамонро аз ин шакли бутпарастӣ эмин дорад.

Ин ҷо чизи дигар муҳим аст. *Микоил* ҳамон *фариштаест,* ки Худо барои аз осмон сарнагун кардани иблис муқаррар кардааст (Ваҳй 12,7-9), аммо ҳатто вай ҷуръат намекард, ки бо ҳукмрони подшоҳии шайтонӣ бо мазаммат сухан ронад. Ҳаққи мазаммат карданро вай ба Худо вогузошт.

**Ояти 10** Муртадони худхоҳ ва беҳаё ба он чи намедонанд, *буҳтон мезананд.* Онҳо намефаҳманд, ки дар ҳама гуна ҷамъияти бонизом бояд ҳокимият ва итоат ба он бошад. Аммо онҳо нооромиҳо бармеангезанд ва бо исёнкории худписандона худситоӣ мекунанд.

Онҳо бештар дар соҳаи ғаризаҳои (инстинктҳои) табиӣ ва қонеъ кардани майлҳои эҳсосотӣ маълумотнок ҳастанд. Бо беандешагии ҳайвоноти безабон онҳо ба ҳаловатҳои ҷинсӣ дода мешаванд ва тадриҷан *худро фосид мекунанд* ва нобуд месозанд.

**Ояти 11** Ба онҳо айбномаи сахте баён карда шудааст. *Вой бар ҳоли онҳо!* Аз боиси саркашӣ ва дили тавбанопазири худ онҳо дар рӯзи ғазаб ва зуҳури доварии ҳаққонии Худо ғазабро ба худ ҷалб мекунанд (Рум. 2,5).

Роҳи ҳаётии онҳо чун афтидан бо суръати афзоянда тасвир шудааст. Дар аввал *онҳо бо роҳи Қобил рафтанд.* Сипас онҳо *мисли Билъом дар ивази музд ба гумроҳии Билъом дода шуданд.* Ниҳоят, онҳо *дар саркашии Қӯраҳ ба ҳалокат расиданд.* Гумроҳӣ ва муртадӣ ҳеҷ гоҳ дар як ҷой намеистанд. Онҳо қадам ба қадам одамонро ба партгоҳ мебаранд ва ба ҳалокат дучор мекунанд.

*Роҳи Қобил,* моҳиятан, аз наҷот ба воситаи хуни ҳайвони қурбонишуда даст кашидан аст (Хас. 4). Ин кӯшиши ба Худо бо саъю кӯшиши худ писанд омадан мебошад. Ч. Ҳ. Макинтош мегӯяд: «Воситаи илоҳӣ, ки пок карда метавонад, рад шуда, ба ҷои он саъю кӯшиши инсонӣ пешниҳод шудааст, ки фақат беҳтар карда метавонад. Ҳамин аст *роҳи Қобил».* Аммо умед ба саъю кӯшиши одамӣ албатта боиси нафрате мегардад, ки ба файз ва объектҳои файз равона карда шудааст. Ва ин нафрат дар ниҳояти кор боиси таъқиб ва ҳатто куштор мегардад (1Юҳ. 3,15).

*Гумроҳии Билъом* дар он буд, ки вай дар хизмати Худо манфиатҷӯӣ карда бой шудан мехост. Билъом мегуфт, ки пайғамбари Худост, аммо аз боиси хасисӣ атои пайғамбарии худро дар ивази пул фурӯхтанӣ буд (Ад. 22-24). Болоқ панҷ бор ба Билъом пул дод, то вай Исроилро лаънат кунад. Билъом тайёр буд ин корро кунад, аммо Худо вайро зӯран нигоҳ медошт. Бисёр гуфтаҳои Билъом дуруст ва зебо буданд, аммо бо вуҷуди ин, вай пайғамбари зархарид буд. Вай мардони исроилиро лаънат карда натавонист, аммо дар ниҳояти кор онҳоро ба васвасаи зино бо духтарони Мӯоб гирифтор карда (Ад. 25,1-5), ба мақсад расид.

Ба монанди Билъом, муаллимони дурӯғини ҳозира нармзабон буда, боварибахш сухан мегӯянд. Онҳо «дар як вақт бо ҳар ду гӯшаи даҳон» гап зада метавонанд. Онҳо ҳақиқатро намегӯянд, то ки даромадашонро зиёд кунанд. Муҳимаш он аст, ки онҳо хасисанд ва кӯшиш мекунанд Хонаи Худоро ба хонаи савдо табдил диҳанд.

Имрӯзҳо ҷаҳони масеҳӣ бо хамиртуруши гуноҳи шимъуния расонида шудааст.[4] Агар ин сарчашмаи фоидаро бартараф кардан мумкин мебуд, бисёр корҳое ки зери ниқоби фаъолияти масеҳӣ ба амал меоянд, фавран бозмеистоданд. С. А. Коутс огоҳӣ медиҳад:

*Одам чунон пастфитрат аст, ки мехоҳад аз чизи илоҳӣ фоида ба даст оварад. Ҳадди охирини вайронии инсон дар он аст, ки вай саъй мекунад дар чизҳои илоҳӣ пул кор кунад. Худованд дар ин бобат доварӣ хоҳад кард. Мо мебинем, ки ин гуноҳ ҷаҳони масеҳиро фаро гирифтааст, ва бояд худро нигоҳ дорем, то ба ин гуноҳ гирифтор нашавем.*[5]

Сабаби сеюми ба ин муаллимони дурӯғин балоро пешгӯӣ кардани Яҳудо он аст, ки онҳо

*дар саркашии Қӯраҳ ба ҳалокат расидаанд.* Қӯраҳ ҳамроҳи Дотон ва Абиром бар зидди роҳбарии Мусо ва Ҳорун баромад ва хост ба қатори коҳинон дохил шавад (Ад. 16). Бо ҳамин ин се нафар зидди Худованд исён карданд. Барои беитоатӣ онҳо ҳангоми зилзилаи даҳшатовар зинда ба зинда зери хок шуданд. Ҳамин тариқ, Худованд нисбати онҳое ки зидди намояндагони Ӯ *исён* мекунанд, хашму ғазаби махсус нишон дод.

**Ояти 12** Сипас, хислат ва тақдири муртадонро тасвир карда, Яҳудо аз олами табиат панҷ намуна меорад. Моффатт мегӯяд, ки «барои нишон додани хислати ин одамон дар осмон, дар замин ва дар баҳр ҷустуҷӯҳо бурда шуданд».

Ин гуна одамон *олудагие дар зиёфатҳои муҳаббат*[6] *мебошанд,* ки дар байни масеҳиёни аввалин вобаста бо Шоми Худованд ба ҷо оварда мешуданд. Онҳо на аз Худо, на аз одамон метарсанд ва на оид ба рама, балки оид ба худ ғамхорӣ мекунанд. Онҳоро дигаронро ба олуда кардани имон рағбағнок мекунанд.

*Инҳо абрҳои беоб ҳастанд*, ки ба замини хушк намӣ ваъда мекунанд, аммо *бо шамол ронда шуда,* ноумедӣ ва барбод рафтани хаёлҳои хомро боқӣ мегузоранд.

Онҳо *дарахтони тирамоҳ ҳастанд, ки* бебарг ва бесамаранд. Калимаҳои *«ду карат мурдаанд»*, шояд, барои тақвияти маънои «комилан мурдаанд» истифода шудаанд ё маънояшон «ҳам реша ва ҳам навдаҳояшон мурдаанд» аст. Онҳо ҳамчунин *решакан шудаанд,* гӯё шамоли сахте онҳоро аз замин баркандааст ва ҳатто кундаашонро чун сарчашмаи имконпазири ҳаёт ва нумуи оянда боқӣ нагузоштааст.

**Ояти 13** Онҳо *мавҷҳои пуртуғёни баҳр ҳастанд*, ки идоранашаванда, пурталотум ва хашмгинанд. Бо вуҷуди ғавғо ва талотум онҳо ба ғайр аз кафк ва *расвоиҳои* худ чизеро нишон дода наметавонанд. Онҳо аз он чи бояд шарм доранд, худситоӣ мекунанд, ва моҳият ва арзише боқӣ намегузоранд.

Ниҳоят, онҳо *ситораҳои оворае ҳастанд, ки барояшон сиёҳии торикӣ то абад нигоҳ дошта шудааст. Ситораҳои овора* ҷирмҳои осмоние ҳастанд, ки аз рӯи мадори доимӣ ҳаракат намекунанд. Онҳо чун нишонаҳои дарёнавардӣ бефоидаанд. Чӣ тасвири ҳаққонии муаллимони дурӯғин! Ин шиҳобҳои динӣ, ситораҳои афтанда ва кометаҳо, ки як лаҳза фурӯзон шуда, баъд дар торикӣ ба монанди фейерверк фишшоси суст мекунанд, самти рӯҳониро нишон дода наметавонанд.

**Ояти 14** Ҳалокати муртадонро *Ханӯх* низ, ки *пас аз Одам насли ҳафтум буд,* пешгӯӣ кардааст. Ин пайғамбарӣ танҳо дар Номаи Яҳудо оварда мешавад. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ин аз китоби апокрифии Ҳанӯх гирифта шудааст, аммо ҳеҷ далеле нест, ки ин китоби қалбакӣ дар замони Яҳудо вуҷуд дошта бошад. Келлӣ гуфтааст:

*Аз рӯи ҳамаи нишонаҳо ин китоб [китоби Ханӯх] баъди вайрон шудани Уршалим навишта шудааст [ва аз ҳамин сабаб баъди Номаи Яҳудо навишта шудааст] ва нависандаи он яҳудиест, ки ҳанӯз умед дорад, ки Худо халқи Худро ҳимоя мекунад.*[7]

Мо намедонем, ки Яҳудо ин пайғамбарии қадимиро чӣ гуна донистааст, агарчи маънидоди сода ва ба ҳақиқат монанд дода метавонем: Рӯҳулқудс ин суханонро ба Яҳудо айнан ҳамон тавре ки дар навиштани қисми боқимондаи Нома роҳбарӣ мекард, ошкор намуд.

Пешгӯӣ бо суханони зерин сар мешавад: *«Инак, Худованд бо ҳазорон ҳазор муқаддасони Худ омад»*. Ин пешгӯӣ пешакӣ ва қисман ҳангоми ба замин баргаштани Худованд Исо баъди Мусибати Бузург иҷро мешавад, вақте ки Ӯ душманони Худро нобуд мекунад ва ба тахт менишинад. Он дар охири Подшоҳии Ҳазорсола иҷро мешавад, ҳангоме ки гуноҳкорони мурда ба доварӣ дар назди Тахти Бузурги Сафед ҳозир мешаванд.

**Ояти 15** Масеҳ меояд, *то ки бар ҳама доварӣ кунад*. Қисми баъдинаи оят нишон медиҳад, ки калимаи «ҳама» ин ҷо *ҳамаи* исёнкоронро ифода мекунад. Имондорони ҳақиқӣ ба ин ҳисоб дохил намешаванд. Ба воситаи имон ба Масеҳ онҳо аз доварӣ озод карда шудаанд, чунон ки дар Юҳанно 5,24 ваъда шудааст: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям; ҳар кӣ сухани Маро шунавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти абадӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст». Тамоми доварӣ ба Писари Одам дода шуда буд, бинобар ин Худованд Исо *бар ҳама доварӣ мекунад, ва ҳамаи худонотарсонро байни онҳо маҳкум менамояд ба сабаби тамоми корҳое ки дар худонотарсӣ кардаанд, ва ҳамаи суханони*

*сахте ки дар ҳаққи Ӯ гуноҳкорони худонотарс гуфтаанд.* Чор бор дар ин оят мо калимаи «худонотарс»-ро вомехӯрем (дар нусхаи тоҷикӣ се бор; зикри тарҷумон). Одамон *худонотарс* ҳастанд, корҳояшон *худонотарсона* аст, усулҳое ки истифода мебаранд, *худонотарсона* аст, ва онҳо *худонотарсии* Худро бо бадгӯӣ бар Парвардигор зоҳир мекунанд. Ӯ онҳоро дар ҳамаи корҳое ки дар *худонотарсӣ* кардаанд, айбдор хоҳад кард, на ба он маъное ки онҳо пушаймонии сахтро ҳис мекунанд, балки ба тавре ки ба онҳо ҳукм бароварда мешавад, чунки айби онҳо исбот карда мешавад.

**Ояти 16** Ин ҷо гуфтор ва рафтори бехудоёнаи онҳо муфассалтар тасвир шудаанд. Онҳо *шикояткунандагон* ҳастанд, ки ба пешбинии Худо шикоят мекунанд, ба ҷои он ки барои марҳаматҳояш шукр гӯянд. Худо чунин шикояткуниро бад мебинад, ва ин бо он исбот шудааст, ки Ӯ халқи Исроилро дар биёбон ҷазо дод.

Онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи он ҳастанд, ки Худовандро дар ягон чиз айбдор кунанд. Чаро Ӯ ҷангҳо ва азобҳоро роҳ медиҳад? Чаро Ӯ ба ҳама гуна беадолатии иҷтимоӣ анҷом намебахшад? Агар Ӯ тавоно бошад, чаро чорае намеандешад, то бетартибии дар ҷаҳон ҳукмронро бартараф кунад? Онҳо ҳамчунин ба фарзандони Худо хурдагирӣ карда, онҳоро дар муносибати яктарафа нисбати имон ва рафтори кӯҳнапарастона айбдор мекунанд.

Онҳо дар шаҳват ғӯтидаанд, ба хоҳишҳои ҷисм тағофул менамоянд ва аз ҳама баландтар фарёд карда, бебанду бориро дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ ҳимоя мекунанд.

Суханҳои мутакаббирона ба ҷалб кардани диққат нигаронида шудаанд. Аз хабару мақолаҳои воситаҳои ахбори омма маълум аст, ки онҳо тарафдори ифротгароии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Таълимоти асосии масеҳиятро густохона ва беҳаёёна инкор кардани онҳо, аз қабили он ки Худо мурдааст, ба онҳо дар байни илоҳиётшиносони либералӣ шуҳрати муайяне меоварад.

Ниҳоят, онҳо дорои ҳунари хушомадгӯӣ ҳастанд ва бо ёрии он пайравонро ба даст меоваранд ва ҳамин тариқ фоидаҳои худро зиёд мекунанд.

Ин тасвир ҳақиқӣ ва аниқ аст. Он қариб ҳар рӯз аз тариқи воситаҳои ахбори омма тасдиқ карда мешавад.

## III. НАҚШИ ИМОНДОР ДАР БАЙНИ МУРТАДӢ (17-23)

**Ояти 17** Акнун Яҳудо аз муртадон ба уҳдадориҳои имондороне мегузарад, ки дар байни шубонони кироя зиндагӣ мекунанд. Аввал вай ба имондорон ёдрас мекунад, ки онҳо аллакай оид ба хатари наздикшаванда огоҳ карда шудаанд. Сипас онҳоро рӯҳбаланд мекунад, ки дар худ рӯҳи қавиро нигоҳ доранд. Ниҳоят, вай ба онҳо маслиҳат медиҳад, ки дар хизмат ба онҳое ки аз муртадон фиреб хӯрдаанд, бофаросат бошанд.

*Расулон* пайдоиши муаллимони дурӯғинро пешгӯӣ карда буданд. Ин пешгӯиҳоро дар хизматгузории Павлус (Аъм. 20,29.30; 1Тим. 4,1-5; 2Тим. 3,1-9), Петрус (2Пет. 2,1-22; 3,1-4) ва Юҳанно (1Юҳ. 2,18.19) ёфтан мумкин аст.

**Ояти 18-19** Моҳияти огоҳкунии онҳо дар он аст, ки *дар замони охир масхаракунандагоне пайдо мешаванд, ки мувофиқи ҳавасҳои худонотарсонаи худ рафтор мекунанд.*

Ба ин шаҳодат Яҳудо маълумотҳоро оид ба се нишонаи фарққунандае ки ба ин шахсони беор хос аст, ҳамроҳ мекунад. Онҳо *касони нафсонӣ ҳастанд*, яъне касоне ки чун одамони аз олами боло зоданашуда фикр ва амал мекунанд. Онҳо шахсоне ҳастанд, ки дар ягонагии имон *ҷудоиҳо ба миён оварда,* дигаронро ба тарафи худ мекашанд ва, шояд, онҳоро вобаста ба пешрафташон дар муртадӣ ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мекунанд. Онҳо *рӯҳро надоранд.* Онҳо ҳеҷ гоҳ аз Ӯ зода нашуда буданд ва бинобар ин чизҳои илоҳиро комилан наметавонанд фаҳманд.

**Ояти 20** Барои нигоҳ доштани қувваи рӯҳонӣ имондорон бояд ба Худованд наздиктар бошанд ва дар мушоракати наздик бо Ӯ зиндагӣ кунанд. Аммо чӣ гуна ба ин ноил шудан мумкин аст? Яҳудо чор қадамро номбар мекунад.

Қадами аввал – *худро бо имони муқаддастарини худ,* яъне бо имони масеҳӣ *обод кунед.* Мо Навиштаи Муқаддасро хонда ва ба он итоат карда, худро обод мекунем. Мушоракати доимӣ бо Калом моро бо роҳи покӣ мебарад ва аз хатарҳо дар ин роҳ огоҳ мекунад. «Одамон метавонанд таълимотро танқид кунанд, мегӯяд Д. Пикеринг, аммо маҳз имон хислатро ташаккул медиҳад, на ин ки хислат имонро».

Қадами дуюм – *дар Рӯҳулқудс дуо гӯед.* Дар Рӯҳулқудс дуо гуфтан – яъне мувофиқи хости Худо дуо гуфтан аст, чунон ки дар Навиштаи Муқаддас нишон дода шудааст ва ё чунон ки *рӯҳ* ба ҳар як имондор мегӯяд ва вайро ҳидоят менамояд. Дар Рӯҳулқудс дуо гуфтан аз дуоҳое фарқ мекунад, ки ба таври механикӣ гуфта мешаванд ё бе ҳеҷ гуна иштироки рӯҳ беохир такрор карда мешаванд.

**Ояти 21** Қадами сеюм – имондорон бояд *худро дар муҳаббати Худо нигоҳ* доранд. Ин ҷо *муҳаббати* Худоро бо нурпошии офтоб монанд кардан мумкин аст. Офтоб ҳамеша нурпошӣ мекунад. Аммо ҳангоме ки чизе байни мову офтоб меистад, мо дар нурҳои офтоб нестем. Бо *муҳаббати Худо* низ айнан ҳамин тавр аст. Он ҳамеша бар мо нурпошӣ мекунад. Аммо агар байни мову Худованд гуноҳ истад, мо, моҳиятан, дигар аз *муҳаббати* вай ҳаловат намебарем. Мо пеш аз ҳама ҳаёти пок ва худотарсона ба сар бурда, худро дар *муҳаббати Ӯ нигоҳ дошта* метавонем. Аммо агар байни мо банохост гуноҳ истад, мо бояд онро эътироф намуда, ҳамон лаҳза тарк кунем. Вазифаи мо чунин аст – ба ҳеҷ чиз иҷозат надиҳем, ки байни мову Худо истад.

*Бигузор ҳеҷ чиз байни ҷони ман ва Наҷотдиҳанда наистад*
*Ҳеҷ яке аз орзуҳои ғайривоқеии дунявӣ,*
*Ҳеҷ чизе ки ба гирифтани камтарин марҳамати Ӯ халал расонда метавонад.*
*Бигузор роҳ пок бошад, бигузор ҳеҷ чиз байни мо наистад.*

Чарлз А.Тиндлей

Ниҳоят, мо бояд бо омодагӣ *марҳамати Исои Масеҳи Худованди моро, ки ҳаёти абадӣ меоварад, мунтазир бошем.* Ин ҷо *марҳамати Худованди мо* ба бозгашти ногузири Ӯ дахл дорад, ҳангоме ки Ӯ халқи Худро ба хона ба осмон мегирад. Дар рӯзҳои торикӣ ва муртадӣ мо бояд нури умеди пурбаракатро, ки дар дилҳои мо фурӯзон аст, нигоҳ дорем. Он ба мо умеди тасаллодиҳанда ва поккунанда хоҳад дод (1Тас. 4,18; 1Юҳ. 3,3).

**Ояти 22** Ҳангоме ки мо бо қурбониҳои муртадӣ сару кор дорем, борикбинии рӯҳонии муайян даркор аст. Навиштаи Муқаддас байни тарғибкунандагони фаъоли фирқаҳои дурӯғин ва шахсоне ки аз онҳо фиреб хӯрдаанд, фарқ мегузоранд. Муносибати мо ба роҳбарону тарғибкунандагон бояд дар асоси 2Юҳанно 10.11 бошад: «Касеро, ки назди шумо меояд ва ин таълимотро намеоварад, вайро ба хонаи худ қабул накунед ва ба вай салом надиҳед; зеро касе ки ба вай салом диҳад, ба амалҳои баркирдоронаи вай шарик мешавад». Аммо дар муносибат бо шахсоне ки муаллимони дурӯғин фиребашон додаанд, Яҳудо маслиҳат медиҳад, ки ба таври мувофиқ рафтор кунанд[8] ва ду тарзи рафтори гуногунро медиҳад.

Ва *ба баъзе касон* мо бояд *раҳмдил* бошем. Мо бояд ба онҳо таваҷҷуҳи ҳамдардона кунем ва саъй намоем, то онҳоро аз шубҳаҳо ва баҳсҳо берун оварем ва барои пайдо намудани ақидаи мустаҳкам оид ба ҳақиқати илоҳӣ ёрӣ диҳем.

**Ояти 23** Онҳое низ ҳастанд, ки дар лаби партгоҳ истодаанд ва тайёранд ба оташи муртадӣ фурӯ ғалтанд. Мо бояд онҳоро бо огоҳкунӣ ва насиҳати қавӣ ва қатъӣ *наҷот дода, ҳатто аз либосе ки бо ҷисм палид шудааст, нафрат намоем.* Дар Аҳди Қадим либоси махавӣ нопок ҳисобида мешуд, ва онро сӯзондан лозим буд (Иб. 13,47-52). Имрӯзҳо, бо шахсони дар гуноҳҳои шаҳвонӣ ғӯтида сару кор дошта, мо бояд дар ёд дошта бошем, ки чизҳои моддӣ, масалан, либос, аксаран ҳиссиётро бедор мекунанд. Ин чизҳоро дида ё ҳис карда, мо фикран онҳоро бо гуноҳҳои муайян айният медиҳем. Бинобар ин, бо одамони нопокшуда сару кор дошта, мо бояд эҳтиёткор бошем ва аз он чи дар ҳаёти шахсии мо васваса шуда метавонад, канораҷӯӣ намоем. Муаллифи номаълум инро чунин баён намудааст:

*Либосе ки ба шахс тааллуқ дорад, бо фасоди гуноҳ ва сирояти бадӣ айният дода мешавад. Агар мо худро аз сироят ва таъсири фосидкунандаи ин бемории нобудкунандаи ҷонҳо ҳимоят кардан хоҳем, ҳама чизи бо гуноҳ вобастаро партофтан ва рад кардан лозим аст.*

Ҷ. Б. Мэйор огоҳ мекунад, ки *«масеҳӣ бояд ба гуноҳкор раҳмдилӣ зоҳир намояд ва барояш дуо кунад, аммо вай бояд аз ҳамаи он чи дар худ пайи гуноҳро дорад, нафрат кунад».*[9]

## IV. БАРАКАТХОҲИИ ЗЕБО (24-25)

**Ояти 24** Яҳудо Номаро бо баракатхоҳии зебо анҷом медиҳад. Дар он ҳамду сано ва парастиши Худое *ки қодир аст,* ифода ёфтааст. Ӯ метавонад наҷот диҳад (Ибр. 7,25), устувор намояд

(Рум. 14,24), мадад расонад (Ибр. 2,18), тобеъ намояд (Фил. 3,21) ва метавонад *нигоҳ дорад*. Ӯ метавонад моро дар осоиштагии комил нигоҳ дорад (Иш. 26,3), Ӯ метавонад гарави моро барои он рӯз нигоҳ дорад (2Тим. 1,12), Ӯ беандоза бештар аз он чи мо металабем ва ё меандешем, карда метавонад (Эфс. 3,20) ва Ӯ метавонад моро[10] *аз пешпо хӯрдан нигоҳ дорад*. Ин ваъдаи охирин хусусан дар айёми муртадӣ, ки Яҳудо ба он ишора мекунад, бамавқеъ аст.

Аммо ваъдаҳои Ӯ бо ин тамом намешаванд. Ӯ метавонад моро *беайб бо шодӣ ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад*. Ин ҳақиқатан хеле хуб аст! Чун мо ба ёд меоварем, ки пеш кӣ будем – аз боиси хатокориҳо ва гуноҳҳо мурда; чун мо оид ба он фикр мекунем, ки акнун кӣ шудаем – хизматгорони ночиз, нотавон ва ноуҳдабаро; сипас фикр мекунем, ки як замоне бо *шодии* азим *беайб* назди тахти Худои тамоми коинот хоҳем истод, – ин чӣ файзест!

**Ояти 25** Ӯ на танҳо Нигаҳдоранда ва Комилкунандаи мост, Ӯ *Худои Наҷотдиҳандаи мо*[11] мебошад. *Худо* ба мо чунон таваҷҷуҳ дорад, ки *Наҷотдиҳандаи* мо шуд ба он маъное ки дар нақшаи Худ муқаррар намуд, то Барраи беайбро – Писари бегуноҳи Худро барои қурбонӣ диҳад. Ӯ *хирадманди яктост,* зеро дар ниҳояти кор тамоми ҳирад аз Худо бармеояд (муқоиса кунед бо Яъқ. 1,5). Мо хиради худро фақат аз сарчашмаи хирад гирифта метавонем – аз Худои хирадманди якто.

Худо ва Наҷотдиҳандаи мо сазовори *ҷалол ва шукӯҳ, тавоноӣ ва қудрат* аст. *Ҷалол* шарафи олитаринест, ки Ӯ барои ҳамаи он чи Ӯ мебошад ва ҳар он чи барои мо кардааст, сазовор аст. *Шукӯҳ* бузургӣ ва шавкатест, ки Ӯ чун Тавонои Мутлақи олам дорост. *Тавоноӣ* ҳукмронии баҳснопазирест, ки ҳаққи соҳибихтиёронаи Ӯ мебошад. Ва *қудрат,* ё нуфузу эътибор, ҳаққи мустаснои идора кардани ҳар он чизест, ки бо дастони Ӯ сохта шудааст.

Ӯ дар гузашта сазовори ҳамду сано буд, Ӯ дар замони ҳозира сазовори он аст, Ӯ дар тамоми абадият сазовори он хоҳад буд. Муртадон ва муаллимони дурӯғин саъй хоҳанд кард, ки Ӯро аз *ҷалол* маҳрум кунанд, *шукӯҳи* Ӯро кам кунанд, бар зидди *тавоноии Ӯ* эътироз кунанд ва *қудрати* Ӯро баҳснок ҳисобанд. Аммо ҳамаи имондорони ҳақиқӣ ҳамеша Ӯро ҷалол хоҳанд дод ва аз Ӯ *ҳоло ва то абад* ҳаловат хоҳанд бурд. *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (ояти 4) Калимаи «Парвардигор» дар матни интиқодии юнонӣ (НА) партофта шудааст. Дар нусхаи асл ду калима барои ифодаи Худованд дода шудааст. Дар ибораи «Худованд Исо» калимаи одии «куриос» истифода мешавад. Дар ибораи «Худованд Худо» муродифи «деспотес» истифода мешавад. Ҳар ду калима маънои «Худованд», «Устод» ё «Соҳиб»-ро доранд.
2. (ояти 4) «Либералӣ» маънои «озод»-ро дорад, аммо дар дин он ба касоне дахл дорад, ки таълимоти асосии имонро рад мекунанд, масалан, илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаи Муқаддас, зодашавии Исо аз бокира, Худо будани Масеҳ ва бо хун кафорат ёфтанро. Либералҳо аксаран барои ҳар гуна таълимот ё дин кушодаанд, агар он таълимоти муътақидонаи Навиштаи Муқаддас набошад.
3. (ояти 4) Нео-ортодоксҳо («ортодоксҳои нав») дар асл «ортодокс» (муътақид) нестанд. Онҳо баъзе таълимоти Навиштаи Муқаддасро қабул мекунанд, аммо истилоҳоти муътақидонаро барои рӯйпӯш кардани бидъати ғайрибиблиявӣ ба кор мебаранд. Масалан, Навиштаи Муқаддас барои нео-ортодокс ҳамон вақт «Каломи Худо мешавад», ки «ба вай сухан мегӯяд». Барои имондори муътақид Навиштаи Муқаддас Каломи Худост.
4. (ояти 11) Шимъуния – фурӯхтан ва харидани мансабҳои калисоӣ.
5. (ояти 11) C. A. Coates. *An Outline of Mark's Gospel and other Ministry,* саҳ. 125.
6. (ояти 12) Онҳо шомро «агапе», яъне «муҳаббат» меномиданд.
7. (ояти 14) William Kelly, *Lectures on the Epistle of Jude, The Serious Christian,* ч. I, саҳ. 123.

8. (ояти 22) Ин ҷо вариантҳои матнӣ аз он сабаб душвор мешаванд, ки феъли юнонии «диакриномай» метавонад маънои «шубҳа кардан» ё «фарқ кардан»-ро дошта бошад.
9. (ояти 23) J. B. Mayor, *The Epistle of St. Jude and the Second Epistle of St. Peter,* саҳ. 51.
10. (ояти 24) Дар бисёрии матнҳо ба ҷои «шумо» «онҳо» буда, гуноҳкоронро аз оятҳои пешина дар назар дорад, ки масеҳиёни рӯҳонӣ онҳоро наҷот додан мехоҳанд.
11. (ояти 25) Матни юнонии НА, ки аксаран матни Искандариягиро пайравӣ мекунад, бар хилофи матни анъанавӣ ва аксари дастнависҳои дигар, ба кӯтоҳкунӣ майли зиёд дорад. Пас, ҳангоме ки чизе ба он *илова шудааст,* он боиси таваҷҷуҳи махсус мешавад. Дар ояти 25 се чиз илова карда шудааст, бинобар ин мехонем: «Худои *якто* ва Наҷотдиҳандаи моро *ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо,* ҷалол ва шукӯҳ, тавоноӣ ва қудрат бод *«аз азал ва ҳоло ва то* абад». Аммо ин ҷо калимаи *«хирадманд»* партофта шудааст. Шояд, баракатдиҳии Яҳудо, ки дар замонҳои гузашта хеле маъруф буд, дар ин шакли дарозтар дар калисоҳои Миср иқтибос оварда мешуд.

# Рӯйхати адабиёт


Bigg, Charles.
*The Epistles of St. Peter and St. Jude.*
Edinburgh: T. & T. Clark Ltd., 1901.

Godet, S. Maxwell.
*Jude: The Acts of the Apostates.*
Chicago: Moody Press, 1958.

Green, Michael.
*The Second Epistle General of Peter and the General Epistle of Jude.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1968.

Ironside, H. A.
*Epistles of John and Jude.*
New York: Loizeaux Bros., 1931.

Kelly, William,.
*Lectures on the Epistle of Jude,* дар: *The Serious Christian. ҷ. I.*
Charlotte, N. C.: Books for Christians, 1970.

Mayor, J. B.
*The Epistle of St. Jude and the Second Epistle of St. Peter.*
Grand Rapids: Baker Book House, 1965.

# НОМА БА РУМИЁН

*Калисои ҷомеи дини масеҳӣ.*
Фредерик Годе

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Нома ба Румиён ҳама вақт дар байни ҳама номаҳои Павлус ҷои аввалро ишғол мекард, ва ин комилан асоснок аст. Аз сабаби он ки китоби Аъмоли Расулон бо омадани расул Павлус ба Рум анҷом меёбад, аз рӯи мантиқ аст, ки номаҳои вай дар Аҳди Нав аз мактуби Расул ба калисои Рум шурӯъ мешаванд, ки ҳанӯз то вақти бо масеҳиёни румӣ вохӯрдани вай навишта шуда буд. Аз нуқтаи назари илми илоҳиёт ин Нома, аз афташ, китоби муҳимтарин дар тамоми Аҳди Нав ба шумор меравад, зеро дар муқоиса бо ҳар кадом китоби дигари Навиштаи Муқаддас таълимоти асосии масеҳиятро нисбатан мураттаб баён мекунад.

Нома ба Румиён аз нуқтаи назари таърихӣ низ бештар таъсирбахш аст. Августини хушбахт пас аз хондани Нома ба Румиён масеҳиятро қабул кард, 13,13.14 (с. 380). Ислоҳоти протестантӣ аз он даме шурӯъ шуд (с. 1517), ки Мартин Лютер комилан чӣ будани росткории Худо ва чӣ маъно доштани «росткор ба воситаи имон зинда хоҳад буд»-ро дарк кард.

Асосгузори Калисои методистӣ Ҷон Уэслӣ ба наҷот баъд аз он боварӣ ҳосил кард, ки дар калисои хонагии Бародарони моравиягӣ дар Алдерсгейтстрити Лондон хондани пешгуфтори тафсири Лютерро ба Нома шунид (с.1738). Жан Калвин навишта буд: «Касе ки ин Номаро дарк мекунад, барои фаҳмидани тамоми Навишта ба худ роҳ мекушояд».

### II. МУАЛЛИФӢ

Ҳатто аҳли бидъат ва мунаққидони дорои ақидаҳои ниҳоят радикалӣ нуқтаи назари умумимасеҳиро қабул мекунанд – муаллифи Нома ба Румиён расули халқҳо буд.

Беш аз он, нависандаи аввалин ва машҳуре ки аниқ Павлусро муаллиф номид, Маркиони бидъаткор буд. Ин Номаро аз ҷумла чунин тафсиркунандагони аввалини масеҳӣ, ба мисли Клименти Румӣ, Игнатий, Юстини Риёзаткаш, Поликарп, Ипполит ва Ириней иқтибос меоваранд. Қонуни Мураторӣ низ ҳамчунин ин Номаро ба қалами Павлус мансуб медонад.

Худи матни Нома низ ниҳоят бovарибахш аст. Ҳам илми илоҳиёт, ҳам забон ва ҳам рӯҳияи Нома ба таври мушаххас ба он ишорат мекунанд, ки муаллифи он Павлус буд. Албатта, беимононро ояти аввалини Нома қонеъ карда наметавонад. Дар он гуфта шудааст, ки ин мактубро Павлус навиштааст (1,1), лекин ба муаллифияти вай ҷойҳои дигар низ ишорат мекунанд, масалан 15,15-20. «Мувофиқатҳои тасодуфӣ»-и зиёд бо китоби Аъмол, ки бешак наметавонистанд махсус бофта шуда бошанд, шояд бештар боэътимод мебошанд. Мисол, ишора ба ҷамъоварии хайроти пулӣ барои муқаддасон, зикри Ғоюс, Арастус, суханҳо оид ба сафари дер боз чашмдоштшуда ба Рум ҳамаи ин аниқ ба Павлус ишора мекунад. Матни Номаро Тартиюс таҳти дикта навиштааст (16,22).

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Нома ба Румиён баъд аз он ки Номаҳои аввал ва дуюм ба Қуринтиён пайдо шуданд, навишта шуда буд, чунки ҷамъоварии хайроти пулӣ барои калисои камбағали Уршалим, ки вақти навишта шудани онҳо ба вуқӯъ пайваста буд, аллакай хотима ёфта ба фиристодан тайёр карда шуда буд. Номбаршавии Канхария, шаҳри бандарии Қуринтус (16,1), ва ҳамчунин баъзе далелҳои дигар ба аксари мутахассисон асос медиҳанд тахмин кунанд, ки Нома дар Қуринтус навишта шудааст. Азбаски дар охири

сафари сеюми миссионерии худ Павлус дар Қуринтус ҳамагӣ се моҳ (то ошӯби бар зидди вай бардошташуда) буд, пас Нома ба Румиён маҳз дар ҳамин фосилаи хурди вақт, яъне тахминан дар соли 56-уми милодӣ навишта шуда буд.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Чӣ тавр масеҳият бори аввал ба Рум расид? Мо аниқ гуфта наметавонем, лекин, шояд, Хушхабарро ба Рум яҳудиёни румӣ овардаанд, ки дар Уршалим дар рӯзи Пантикост имон оварда буданд (Аъм. 2,10). Ин соли 30 рӯй дода буд.

Пас аз бисту шаш сол, ҳангоме ки Павлус Нома ба Румиёнро менавишт, вай ҳанӯз ягон бор дар Рум набуд. Вале вай аллакай ҳамон вақт баъзе аз масеҳиёни калисои Румро мешинохт, ки ин аз боби 16-уми Нома аён аст. Он замонҳо масеҳиён тез-тез ҷои истиқоматро иваз мекарданд, хоҳ аз рӯи таъқибот бошад, хоҳ аз рӯи фаъолияти миссионерӣ ва ё ҳамин тавр аз рӯи кор. Ва ин масеҳиёни румӣ аслан ҳам аз яҳудиён, ҳам аз ғайрияҳудиён буданд.

Тахминан соли 60-ум Павлус оқибат ба Рум омад, лекин тамоман на ба он сифате ки ба нақша гирифта буд. Вай ба он ҷо чун маҳбусе омад, ки барои мавъизаи Исои Масеҳ дастгир шуда буд.

Нома ба Румиён асари барҷаста шуд. Он чашмони одамони наҷотнаёфтаро ба ҳолати ҳалокатовари пургуноҳашон ва ба он нақшае ки Худо барои наҷоти онҳо омода сохта буд, мекушод. Навимонон аз он оид ба ягонагии худ бо Масеҳ ва оид ба ғалаба бо қувваи Рӯҳулқудс дарак меёбанд. Масеҳиёни болиғ ҳамеша аз спектри васеи ҳақиқатҳои масеҳие ки дар ин Нома ҳастанд – таълимотӣ, пайғамбарона ва амалӣ – ҳаловат мебаранд.

Усули хуби фаҳмидани Нома ба Румиён – онро чун суҳбат байни Павлус ва як нафар эродгирандаи номаълум тасаввур кардан аст. Таассуроте ба вуҷуд меояд, ки бо мурури он ки Павлус моҳияти Хушхабарро мефаҳмонад, ин эродгиранда бар зидди вай далелҳои хеле гуногуне пеш меоварад ва расул субот-корона ва мунтазам ба ҳамаи саволҳои вай ҷавоб медиҳад. Дар охири ин «суҳбат» мо мебинем, ки Павлус ба ҳамаи саволҳои асосии ба Хушхабари файзи Худо тааллуқдошта ҷавоб додааст.

Эътирозҳои эродгиранда баъзан ба таври мушаххас ифода гардидаанд, баъзан онҳо танҳо дар назар дошта шудаанд. Лекин новобаста ба он ки онҳо чӣ тавр ифода ёфтаанд, ҳамаи онҳо дар атрофи ҳамон як мавзуъ давр мезананд Хушхабар оид ба наҷот аз рӯи файз ба воситаи имон ба Худованд Исои Масеҳ, на ин ки ба воситаи иҷрои шариат.

Нома ба Румиёнро омӯхта, мо ба ёздаҳ саволи асосӣ ҷавоб меҷӯем:

1) Мавзуи асосии Нома кадом аст? (1,1.9. 15.16) 2) «Инҷил» чист? (1,1-17) 3) Чаро одамон ба Инҷил муҳтоҷанд? (1,18–3,20) 4) Чӣ гуна, мувофиқи Хушхабар, Худои қуддус гуноҳкорони нобакорро сафед карда метавонад? (3,21-31) 5) Магар Хушхабар бо Навиштаи Аҳди Қадим мувофиқат мекунад? (4,1-25) 6) Сафедшавӣ дар ҳаёти амалии имондор чӣ гуна афзалиятҳо медиҳад? (5,1-21) 7) Магар таълимот оид ба наҷот аз рӯи файз ба воситаи имон метавонад ба ҳаёти гуноҳолуд роҳ диҳад ва онро ҳавасманд кунад? (6,1-23) 8) Масеҳиён ба шариат чӣ гуна бояд муносибат кунанд? (7,1-25) 9) Чӣ масеҳиро водор мекунад, ки ҳаёти росткорона ба сар барад? (8,1-39) 10) Магар Худо ваъдаҳои Худро ба халқи интихобкардаи Худ яҳудиён вайрон кард, ҳангоме мутобиқи Хушхабар наҷотро ҳам ба яҳудиён, ҳам ба бутпарастон дод? (9,1-11,36) 11) Сафедшавӣ аз рӯи файз дар ҳаёти ҳаррӯзаи имондор чӣ гуна зоҳир мешавад? (12,1-16,27)

Бо ин ёздаҳ савол ва бо ҷавобҳои онҳо шинос шуда, мо метавонем ин Номаро хубтар баррасӣ намоем. Ҷавоби саволи якум: «Мавзуи асосии Нома ба Румиён чист?» ягона мебошад: «Инҷил». Павлус сухани зиёде сарф накарда, дарҳол аз баррасии ҳамин мавзуъ сар мекунад. Танҳо дар шонздаҳ ояти аввали боби 1 вай чор бор ба Хушхабар *(«башорат»)* ишора мекунад (ояти 1,9,15,16).

Дар ин ҷо дарҳол саволи дуюм ба миён меояд: Худи «Инҷил» чӣ бошад? Худ аз худ ин калима маҳз маънои «Хушхабар»-ро дорад. Лекин дар ҳафдаҳ ояти аввали Нома расул шаш факти муҳими ба хушхабардиҳӣ дахлдорро баён мекунад: 1) он аз Худо бармеояд (ояти 1); 2) он дар Навиштаи Аҳди Қадим ваъда дода шудааст (ояти 2); 3) он Хушхабар дар

бораи Писари Худо, Худованд Исои Масеҳ аст (ояти 3); 4) он қуввати Худо барои наҷотёбӣ аст (ояти 16); 5) наҷот барои ҳамаи одамон пешбинӣ шудааст, ҳам ба яҳудиён, ҳам ба ғайрияҳудиён (ояти 16); 6) наҷот танҳо аз рӯи имон дода мешавад (ояти 17).

Ва акнун, баъд аз ин гуна пешгуфтор, мо баррасии муфассали Номаро сар мекунем.

# Нақша

I. ҚИСМИ ТАЛИМОТӢ: ХУШХАБАРИ ХУДО (Б. 1–8)
- А. Шиносоӣ бо Хушхабар (1,1-15)
- Б. Таърифи Хушхабар (1,16.17)
- В. Эҳтиёҷи умумӣ ба Хушхабар (1,18–3,20)
- Г. Асос ва истилоҳоти Хушхабар (3,21-31)
- Ғ. Мувофиқати Хушхабар бо Аҳди Қадим (Б.4)
- Д. Таъсири амалии Хушхабар (5,1-11)
- Е. Ғалабаи Масеҳ бар гуноҳи Одам (5,12-21)
- Ё. Роҳ ба ҳаёти муқаддас мувофиқи Инҷил (Б. 6)
- Ж. Ҷои шариат дар ҳаёти имондор (Б. 7)
- З. Рӯҳулқудс – қувва барои ҳаёти муқаддас (Б. 8)

II. ҚИСМИ ТАЪРИХӢ: ХУШХАБАР ВА ИСРОИЛ (Б. 9–11)
- А. Гузаштаи Исроил (Б. 9)
- Б. Имрӯзаи Исроил (Б. 10)
- В.Ояндаи Исроил (Б. 11)

III. ҚИСМИ АМАЛӢ: ҲАЁТ ДАР МУВОФИҚАТ БО ХУШХАБАР (Б.12–16)
- А. Дар бахшидашавии шахсӣ (12,1.2)
- Б. Дар хизматгузорӣ бо бахшоишҳои рӯҳонӣ (12,3-8)
- В. Дар муносибат бо ҷамъият (12,9-21)
- Г. Дар муносибат бо ҳукумат (13,1-7)
- Ғ. Дар муносибат бо оянда (13,8-14)
- Д. Дар муносибат бо имондорони дигар (14,1–15,13)
- Е. Дар нақшаҳои Павлус (15,14-33)
- Ё. Дар муносибати боэҳтиромона ба дигарон (Б. 16)

# Тафсир

## I. ҚИСМИ ТАЛИМОТӢ: ХУШХАБАРИ ХУДО (Б. 1–8)

### А. Шиносоӣ бо Хушхабар (1,1-15)

**1,1** Павлус худро чун одами харидашуда (ки аз суханҳои «бандаи Исои Масеҳ» аён аст), *даъватшуда* (дар роҳ ба Димишқ Наҷотдиҳанда Павлусро даъват намуд, ки *расул,* фиристодаи махсус шавад) ва *интихобшуда* муаррифӣ мекунад (махсус ҷудо карда шудааст барои он ки ба ғайрияҳудиён *башорат* диҳад [ниг. Аъм. 9,15; 13,2]).

Ҳамчунин мо ҳама бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ харида шуда будем, ба шоҳидии Ӯ даъват шудаем ва интихоб шудаем, то ба ҳама ҷо, ба ҳар ҷое ки равем, Хушхабарро расонем.

**1,2** Эҳтимол, аксари ибриён чунин меҳисобиданд, ки Хушхабар як чизи тамоман навест ва ба сарвати рӯҳонии онҳо робитае надорад, ва аз ҳамин сабаб Павлус зикр мекунад, ки Худо Хушхабарро ба воситаи *пайғамбарони* Худ ҳанӯз дар Аҳди Қадим, ҳам дар гуфтаҳои мушаххас (Такр. Шар. 18,15; Иш. 7,14; Ҳаб. 2,4), ҳам дар шакли рамзу нишонаҳои гуногун (мисол киштии Нӯҳ, мори мисин, тартиби қурбоникунӣ) *ваъда карда буд.*

**1,3** Инҷил Хушхабар оид ба Писари Худост, оид ба *Исои Масеҳ,* Худованди мо, ки аз рӯи табиати Худ аз *насли Довуд* пайдо шудааст. Ибораи *«аз ҷиҳати ҷисм»* ба он ишорат мекунад, ки Худованди мо на одами одист, чунки ин калима таъкид мекунад, ки сухан дар бораи табиати одамии Ӯ меравад. Агар Масеҳ одами одӣ мебуд, зарурате намебуд, ки ин хусусияти ҳастии Ӯ махсус зикр карда шавад, зеро он гоҳ

ҳеҷ чизи дигаре ҳам намебуд. Вале Ӯ на танҳо одам аст, ва дар ин бора ояти оянда хабар медиҳад.

**1,4** Худованд Исо *Писари Худо* дар қувва номида шудааст. Рӯҳулқудс, ки оид ба он дар ин ҷо чун оид ба *рӯҳи қудсият* сухан меравад, Худаш ба Исо ҳангоми таъмид гирифтани Ӯ ва дар муъҷизаҳои Ӯ ишора карда буд. Муъҷизаҳои Наҷотдиҳанда, ки бо қувваи Рӯҳулқудс иҷро мекунад, дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки Ӯ Писари Худост[1]. Ҳангоме мо мехонем, ки Ӯ Худро *ба воситаи бархестанаш аз мурдагон чун Писари Худо маълум кард,* ба мо, албатта, чунин метобад, ки ин ҷо сухан дар бораи зиндашавии Ӯ меравад. Лекин дар асл ин калимаҳо айнан маънои «ба воситаи зиндашавии мурдагон»-ро дорад, яъне шояд расул зимнан ҳам оид ба зиндашавии духтари Ёир, ҳам писари бевазани ноинӣ, ҳам Элъозор фикр мекард. Вале, дар ҳар сурат, ин ҷо дар навбати аввал зиндашавии Худи Худованд дар назар дошта шудааст.

Ҳангоме мо мегӯем, ки Исо *Писари* Худост, мо дар назар дорем, ки Ӯ ба ин маъно ягона аст. Худо писарони зиёде дорад. Ҳамаи имондорон фарзандони Ӯ хонда шудаанд (Ғал. 4,5-7), ва ҳатто дар бораи фариштаҳо ҳамчун фарзандон гуфта шудааст (Айюб 1,6; 2,1). Лекин Исо Писари *махсус* аст. Вақте Худованд оид ба Худо ҳамчун Падари Худ гап мезад, яҳудиён комилан дуруст мефаҳмиданд, ки Ӯ ба баробарӣ бо Худо даъво мекунад (Юҳ. 5,18).

**1,5** Маҳз ба воситаи Исои Масеҳ Павлус дорои *файз* гардид (эҳсонеро соҳиб шуд, ки сазовораш набуд ва ба шарофати он наҷот ёфт) ва *расул* шуд. Ва замоне ӯ менависад, ки *мо файз ва вазифаи расулиро пайдо кардаем,* Ӯ, аниқтараш, зери калимаи муаллифонаи «мо» танҳо худашро дар назар дошт. Расулияти Павлус бо халқҳои ғайрияҳудӣ *вобаста буд,* ва ин ӯро аз расулҳои дигар фарқ мекунонад. Вазифаи ӯ аз он иборат буд, ки ҳамаи *халқҳоро* ба итоати имон, яъне итоат ба даъвати Инҷил ба воситаи тавба ва имон ба Худованд Исои Масеҳ даъват намояд (Аъм. 20,21). Ва ин мавъизаи умумиҷаҳонӣ танҳо ба номи Худованд, барои шод гардондани Ӯ ва ҷалол додани Ӯ иҷро мешуд.

**1,6** Дар байни ононе ки ба даъвати Инҷил ҷавоб доданд, одамоне буданд, ки Павлус ба онҳо ҳамчун ба *даъватшудагони Исои Масеҳ* муроҷиат карда, мехост таъкид намояд, ки дар кори наҷоти онҳо ташаббус аз Худо буд.

**1,7** Ин Нома ба *ҳамаи* имондорони Рум навишта шудааст, на ин ки ба ягон калисои алоҳида, чун Номаҳои дигар. Боби охирини нома аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Рум якчанд ҷамоатҳои имондорон буданд ва дуруду саломҳои ин оят ба ҳама дахл доранд.

*Дӯстдоштагони Худо, муқаддасони даъватшуда* ин унвони зебо барои ҳамаи онҳое ки бо Хуни Масеҳ афв шудаанд, ҳақиқат аст. Ба ин интихобшудагон муҳаббати Худо ба таври махсус паҳн мешавад, вазифаи онҳо ҷудо будан аз олам барои Худост, зеро маънои калимаи *«муқаддасон»* дар ҳамин аст.

Дуруду саломҳои ба Павлус хос *файз ва осоиштро* дар бар мегиранд. *Файз* (charis) дар забони юнонӣ дархости махсус, ва *осоиш* (shalom) саломи анъанавии ибриён аст. Ин гуна дуруду саломҳои омехта дар ин Нома махсусан муҳим аст, зеро дар ин ҷо Павлус шарҳ медиҳад, ки чи гуна яҳудиён ва ғайрияҳудиён дар Масеҳ як одами нав мешаванд.

Дар ин ҷо сухан дар бораи *файзе* намеравад, ки ба воситаи он наҷот меёбанд (хонандагони Нома аллакай наҷот ёфта буданд), балки дар бораи он *файзе* ки масеҳиро такмил медиҳад ва барои хизмат ба ӯ қувват медиҳад. *Осоиш* ба маънои одӣ осоиш бо Худо набуда (муқаддасон аллакай ин гуна осоишро доранд, зеро аз рӯи имонашон сафед карда шудаанд), балки *осоишест,* ки дар дилҳои онҳо маскан дорад, зеро он ҷо Худо ҳукмфармост, ҳарчанд худи онҳо дар маркази гирдоби ҳаёт ҷойгиранд. *Аз Худо Падари мо ва Худованд Исои Масеҳ файз ва осоиш* хоста, Павлус яқинан баробарии Падар ва Писарро дар назар дорад. Агар Исо одами одӣ мебуд, *Ӯро* дар *бахшидани файз ва осоиш* бо Падар дар як қатор гузоштан бемаъно мебуд. Ин тахминан чунин садо медод «бар шумо аз ҷониби Худо Падари мо ва Абраҳам Линколн файз ва осоиш бод».

**1,8** Ҳама вақт, замоне ки ин имкон дошт, расул Павлус номаҳои худро аз сухани таҳсин ва баҳои баланд додан ба он чи дар хонандагони вай сазовори таҳсин буд, сар мекард (Намунаи хуб барои мо!). Ва дар ин ҷо вай *Худоро ба воситаи Исои Масеҳ,* Миёнарави мо, шукр мегӯяд, ба хотири он ки *имони* масеҳиёни Рум *дар тамоми ҷаҳон шуҳрат ёфтааст.* Шаҳодати масеҳии онҳо маълум буд ва дар қаламрави

империяи Рум, ки аз нуқтаи назари сокини атрофи баҳри Миёназамин *тамоми ҷаҳонро* ифода мекард, муҳокима карда мешуд.

**1,9** Азбаски масеҳиёни Рум кӯшиш мекарданд, ки нури онҳо дар пеши одамон дурахшад, ба Павлус лозим буд *пайваста* барои онҳо дуо гӯяд. Ӯ *Худоро ба шоҳидии* доимӣ будани дуоҳои худ даъват мекунад, зеро ҳеҷ кас инро донистан наметавонад, ғайр аз Худо, ки расул ба Ӯ бо *рӯҳи* худ *дар башорати Писари Ӯ* хизмат мекард. Ва дуоҳои Павлус чизи азёдкардашуда ва ҳар рӯз ҳамчун як оини динӣ ба таври механикӣ такроршаванда набуданд. Ин хизматгузории пур аз имон ва дуоҳои гарму ҷӯшони вай буд. Ба ин хизмати ихтиёрӣ, содиқона, пай дар пай вайро рӯҳаш, ки аз ҳама зиёд Худованд Исоро дӯст медошт, водор мекард. Хоҳиши гарму ҷӯшони вай дар паҳн кардани Хушхабар дар бораи Писари Худо дар ҳамин зоҳир мешуд.

**1,10** Дар баробари он ки Павлус барои масеҳиёни Рум ба Худо шукр мегуфт, вай ҳамчунин оид ба он дуо мекард, ки ба вай имконе пайдо шавад, то дар ояндаи на чандон дур ба боздиди онҳо равад. Ва, чун ҳама чизҳои дигар дар ҳаёташ, вай мехоҳад, ки ин сафар *бо хости Худо* мутобиқ бошад.

**1,11** Павлусро хоҳише раҳнамун месохт, ки барои дар имон устувор шудани муқаддасони румӣ кӯмаки рӯҳонӣ расонад. Албатта, дар ин ҷо сухан дар бораи он намеравад, ки вай мехост ба онҳо як «баракати такрорӣ» ато кунад, вай инчунин намехост ба воситаи дастгузорӣ ба онҳо ягон тухфаи рӯҳоние ирсол кунад (он чи вобаста ба Тимотиюс дар 2Тим. 1,6 ёдрас шудааст). Павлус Китобро ба онҳо мавъиза намуда, мехост ба инкишофи рӯҳонии онҳо мусоидат кунад.

**1,12** Вай ба онҳо доимо мефаҳмонад, ки ин кӯмак дутарафа мешавад. Вай метавонад *аз имони онҳо тасалло ёбад,* онҳо бошанд аз имони вай. Дар ҷамоате ки одамон ба ҳамдигар насиҳат мегӯянд, як бойшавии рӯҳонӣ рӯй медиҳад. «Оҳан оҳанро тез мекунад, ва одам симои ёри худро пардоз медиҳад» (Мас. 27,17). Ба хоксорӣ ва меҳрубонии Павлус диққат диҳед вай ҳеҷ гоҳ худро болотар аз он намешуморад, ки аз муқаддасони дигар кӯмак қабул кунад.

**1,13** Вай *борҳо нияти* ба Рум рафтан мекард, вале ба *монеаҳои* зиёде дучор мешуд. Шояд, зарурати сахте пайдо мешуд, ки дар дигар ҷой бошад ё Рӯҳулқудс ба вай роҳ намедод, ё ин натиҷаи муқобилати бевоситаи шайтон буд. Павлус мехоҳад дар байни ғайрияҳудиёни румӣ низ *самаре* дошта бошад, чунон ки вай онро дар *халқҳои дигар* дигар дошт. Ин ҷо вай оид ба *самари* мавъизаи Инҷил мегӯяд, ки аз ду ояти зерин фаҳмо мешавад. Дар оятҳои 11 ва 12 вай хоҳиш изҳор кард, то бо масеҳиёни румие ки дар имони худ устуворанд, вохӯрад. Дар худи ҳамин ҷо вай оид ба хоҳиши дидани он ки чӣ тавр дар пойтахти империяи Рум одамон ба Масеҳ рӯ меоваранд, сухан меронад.

**1,14** Касе ки дар дилаш Исои Масеҳ ҳаст, медонад, ки чӣ тавр эҳтиёҷи аз ҳама калони тамоми инсониятро қонеъ гардонад. Вай давои зидди бемории гуноҳро дорад, вай роҳеро медонад, ки одамон бо он рафта аз азобҳои доимии дӯзах раҳоӣ ёбанд ва дорои кафолати абадии шодӣ бо Худо шаванд. Ин ба зиммаи вай вазифаи пуршарафи расонидани Хушхабарро ба ҳамаи одамон мегузорад, новобаста ба он ки онҳо ба кадом халқ ва фарҳанг мансубанд, – *ба юнониён, ба ваҳшиён,* ва новобаста ба мақом ва маълумот – *ба хирадмандон, ба нодонон.* Павлус ин вазифаро аниқ дарк мекард. Вай гуфт: «*Қарзе ба гардан дорам*».

**1,15** Барои он ки қарзро ба ҳар навъ пардохт намояд, расул *омода* буд Инҷилро ба бошандагони *Рум* бо тамоми ихтиёре ки аз тарафи Худо ба вай дода шудааст, мавъиза намояд. Аён аст, ки ин оят ба имондорони румӣ тааллуқ надорад, зеро онҳо аллакай ба даъвати хурсандибахш ҷавоб доданд. Павлус мехост Хушхабарро ба ғайрияҳудиёни беимони пойтахти империя расонад.

## Б. Таърифи Хушхабар (1,16-17)

**1,16** Расул аз расонидани Хушхабар ба шаҳри пойтахтии фосидшудаи Рум *шармсор намешуд,* ҳарчанд яҳудиён хушхабаррасониро васваса мешумориданд, юнониён бошанд беақлӣ меҳисобиданд: охир Павлус медонист, ки *он қувваи Худост барои наҷот,* яъне хабар оид ба он ки Худо бо қувваи Худ ҳар касеро ки ба Писари Ӯ имон оварад, наҷот медиҳад. Ин қувва ҳам ба яҳудиён ва ҳам ба юнониён баробар паҳн мешавад.

Аввал ба *яҳудӣ* ва пас ба *юнонӣ* дода шудани наҷот аз китоби Аъмол дида мешавад. Ҳарчанд мо ҳамеша назди халқи қадимии Худо яҳудиён қарздор хоҳем буд, мо маҷбур нестем рафта аввал ба онҳо баъд ба ғайрияҳудиён Хушхабарро расонем. Имрӯз муносибати Худо ҳам ба яҳудиён, ва ҳам ба ғайрияҳудиён дар як поя меистад, бинобар ин ҳам даъват ва муҳлатҳо барои ҳама як ҳастанд.

**1,17** Дар ин оят якумин бор дар Нома сухан дар бораи *росткорӣ* меравад, аз ҳамин сабаб мо каме ист карда, чӣ будани росткориро хуб муайян мекунем. Дар Аҳди Нав ин калима ба тарзи гуногун истифода мешавад, вале мо фақат се маънои онро дида мебароем.

Якум, он чунин хислати Худоро ифода мекунад, ки мутобиқи он ҳар коре ки Ӯ мекунад дуруст, одилона, ҳақиқат аст ва ба ҳамаи хислатҳои Ӯ мувофиқат мекунад. Ҳангоме мо мегӯем, ки Худо росткор аст, мо дар назар дорем, ки дар Ӯ ҳеҷ гуна дурӯғ, бешарафӣ ва беадолатӣ нест.

Дуюм, росткории Худо метавонад ба он робита дошта бошад, ки Ӯ гуноҳкорони нобакорро сафед мекунад ва дар баробари ин ҳамоно росткор мемонад, зеро Исо қурбонии бегуноҳи ивазкунанда буда, ҳамаи талаботи росткории Худоро қонеъ кард.

Ва ниҳоят росткории Худо ба он мақоми баланд робита дорад, ки Худо ба ҳама касоне ки ба Писари Ӯ имон доранд, медиҳад (2Қур. 5,21). Онҳоеро, ки аслан росткор нестанд, Худо ҳамчун росткор қабул мекунад, зеро онҳоро дар нури камолоти Писари Худ мебинад ва росткории Ӯро ба онҳо мегузаронад.

Кадоме аз ин маъноҳо дар ояти 17 истифода мешавад? Дар ин ҷо ҳар се маънои росткории Худо мувофиқ омада метавонанд, лекин маънои асосӣ шояд дар ин бошад, ки Худо гуноҳкоронро аз рӯи имон сафед мекунад.

Росткории Худо дар Инҷил ошкор мешавад. Аввал Инҷил ба мо мегӯяд, ки росткории Худо ҷазо додани гуноҳро талаб мекунад, ҷазои гуноҳ бошад марги абадист. Лекин баъд мо мефаҳмем, ки муҳаббати Худо омода аст росткории Ӯро қонеъ гардонад. Худо Писари Худро фиристод, то Ӯ ҷонашро ба ҷои одамони гуноҳкор, ба ҷои ҳама фидо карда бимирад. Ва акнун, ҳангоме ки талаби росткории Худо қонеъ гардид, Ӯ аз рӯи росткорӣ метавонад ҳамаи онҳоеро, ки аз кори кардаи Масеҳ истифода мебаранд, наҷот диҳад.

Росткории Худо *аз имон ба имон* ошкор мешавад. Ибораи *«аз имон ба имон»* инро ифода мекунад: 1) аз садоқати Худо ба имони мо; 2) аз як дараҷаи имон ба дигараш; 3) ҳама чиз танҳо аз рӯи имон аз аввал то охир.

Дар ин ҷо маънои охирин эҳтимолияти зиёдтар дорад. Росткории Худо ба одам на дар асоси амалҳои вай лоиқ дида мешавад ва на ба касе дода мешавад, ки мекӯшад бо амалҳо онро ба даст оварад ё сазовори он шавад. Вай танҳо аз рӯи имон аён мешавад. Ва ин пурра бо қарори Худо дар Китоби пайғамбар Ҳабаққуқ (2,4) мутобиқ аст: *«... росткор бо имони худ хоҳад зист»,* ки инро метавонем чун «бо имони худ сафедшудагон зинда хоҳанд буд» фаҳмем.

Инак, дар ҳафдаҳ ояти аввали Нома ба Румиён Павлус мавзуи асосии онро баён кард ва якчанд далели асоснок овард. Акнун вай ба саволи сеюм ва асосӣ мегузарад: Чаро одамон ба Инҷил эҳтиёҷ доранд? Мухтасар ҷавоб додан мумкин аст, ки бе Хушхабар онҳо одамони ҳалокшуда ҳастанд. Лекин дар ин ҷо дарҳол саволҳои иловагӣ пайдо мешаванд: 1) Наход он ғайрияҳудиёне ки ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд, сазовори марганд? (1,18-32) 2) Наход одамоне ки ба боинсофӣ ва хушахлоқии худ боварӣ доранд, хоҳ яҳудӣ бошанд ё ғайрияҳудӣ, ҳамчунин ҳалокшудагонанд? (2,1-16) 3) Наход намояндагони халқи қадимии Худо, яҳудиёнро, ҳалокшуда ҳисобидан зарур аст? (2,17-3,18) 4) Наход ҳамаи одамон ҳалокшудагонанд? (3,9-20)

## B. Эҳтиёҷи умумӣ ба Хушхабар (1,18–3,20)

**1,18** Павлус дар ин оят ба саволе ҷавоб медиҳад, ки чаро одамон ба Инҷил эҳтиёҷ доранд. Ва ҷавоб дар ин аст, ки бе он ҳамаи онҳо ба ҳалокат мерасанд, ва *ғазаби Худо аз осмон бар ҳар гуна худонотарсии* касоне ки бо ҳаёти фосиқонаи худ *ростиро* бо *бадкирдорӣ поймол мекунанд,* аён мешавад. Аммо ғазаби Худо чӣ тавр *зоҳир мешавад?* Яке аз ҷавобҳо дар ҳамин ҷо зикр шудааст. Худо ин одамонро ба нопокӣ (1,24), шаҳвати нангин (1,26) ва ақли вайрони худи онҳо (1,28) месупорад. Лекин Худо баъзан ба таърихи инсоният мудохила мекунад,

то норозигии беинтиҳои Худро нисбати гуноҳи одамон зоҳир намояд, масалан: туфони умумиҷаҳонӣ (Ҳас. 7), нест кардани Садӯм ва Амуро (Ҳас. 19), ҷазо додан ба Қӯраҳ, Дотон ва Абиром (Ад. 16,32).

**1,19** Наход ки он бутпарастоне ки ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд, ҳамчун мурдагонанд? Павлус шарҳ медиҳад, ки онҳо на аз сабаби он ки аз маълумоти кофӣ маҳруманд, ба ҳалокат мерасанд, балки аз сабаби он ки онҳо нурро дида, аз он даст мекашанд! Он *чизеро ки дар бораи Худо* ба воситаи баррасии офариниш *донистан мешавад,* Ӯ ба онҳо маълум кард. Худо онҳоро бе ваҳйи оид ба Худ нагузоштааст.

**1,20** Дар *офариниши ҷаҳон* ба ҳамаи мо ду сифати *нонамоёни* Худо нишон дода шуда буданд: *қуввати абадӣ* ва *илоҳияти* (ё Худо будани) Ӯ. Калимае ки Павлус дар ин ҷо истифода мебарад, маънои «Худо будан»-ро дорад. Он ба мо на танҳо мавҷудияти Худоро, балки хислати Ӯро, ё на танҳо Худо будани Ӯро, балки Шахсияти пурҷалоли Ӯро нишон медиҳад. Худо будани Ӯ бе ин ҳам бешакку шубҳа аст.

Далел пурра равшан аст: мавҷудот бе офаранда пайдо намешавад. Асари санъат мавҷудияти санъаткорро талаб мекунад. Ба офтоб, моҳ ва ситорагон нигариста, ҳар кас метавонад фаҳмад, ки Худо ҳаст.

Инак, гуфтан мумкин аст, ки бутпарастоне ки Хушхабарро нашунидаанд, *узре надоранд.* Худо ба онҳо дар офаридаи Худ аён шуд, лекин онҳо ба ваҳйи Ӯ ҷавоб надоданд. Яъне, ин одамон на дар он гуноҳкоранд, ки Наҷотдиҳандаро, ки оид ба Ӯ ҳатто нашунидаанд, рад карданд, балки дар он аст, ки ба он чи оид ба Худо дониста метавонистанд, бовар накарданд.

**1,21** Азбаски онҳо *Худоро* ба воситаи офаридаи Ӯ *шинохта, Ӯро* барои Кӣ буданаш ҷалол надоданд ва барои кори кардааш *шукр нагуфтанд,* балки баръакс, худро ба фалсафаҳои *ҳеҷу пуч* ва худоҳои дигар доданд, онҳо қобилияти дуруст фикр кардан ва диданро гум карданд. Касе ки аз дидан рӯ метобад, бо мурури замон умуман аз дидор маҳрум мешавад.

**1,22** Баробари он ки одамон дар донишҳои хаёлии худ хеле худбовар мешуданд, онҳо ба нодонӣ ва беақлӣ боз ҳам дарунтар меғӯтиданд. Ин ду сифат ҳамеша ба онҳое ки дониши Худоро инкор мекунанд, тааллуқ дорад, – онҳо беҳад худписанд ва дар айни ҳол ниҳоят нодон мешаванд.

**1,23** Гарчанде баъзеҳо чунин мешуморанд, ки одам ҳамеша аз содатарин то ба мураккаб инкишоф меёбад, қадимиён одамони дорои ахлоқи баландтаре буданд. Аз донистани *Худои нобуднашаванда,* ҳақиқӣ ва беинтиҳо даст кашида, онҳо дар оянда то чунин беақлӣ ва фосиқӣ таназзул ёфтанд, ки ба бутҳо саҷда мекардагӣ шуданд. Ин оят назарияи инкишофи инсониятро (эволютсия) рад мекунад.

Худоҷӯӣ дар одам берун аз шуур вуҷуд дорад. Ба вай касе лозим аст, ки ба он саҷда кунад. Ба Худои зинда саҷда карданро рад карда, вай ба худ аз чӯбу санг худоҳо сохт, ба онҳо сурате дод монанди *одам, парандагон, чорпоён ва хазандагон.* Пастравиро дар пайдарҳамии зерин бубинед: одам, парандаҳо, ҳайвонот, хазандаҳо. Дар баробари ин ҳамчунин бояд дар хотир дошт, ки одам ба он чизе ки саҷда мекунад, монанд мешавад. Дар баробари он ки худои вай таназзул меёфт, симои ахлоқии худи одам низ таназзул меёфт. Агар худои вай хазанда бошад, он гоҳ худи вай ҳам ҳуқуқ дорад чунон ки хоҳад, зиндагӣ кунад. Ҳамчунин зикр кардан муҳим аст, ки парастишкунанда одатан худро нисбати чизе ки ба он саҷда мекунад, дар мавқеи пасти тобеъшаванда мегузорад. Ҳамин тариқ, одами ба сурат ва шабоҳати Худо офаридашуда худро аз мавқеи мор пасттар мегузорад.

Касе ки бутро парастиш мекунад, девҳоро парастиш мекунад. Павлус хеле мушаххас арз мекунад, ки одамони ба бутҳо қурбонӣ мекарда ба девҳо қурбонӣ мекунанд, на ин ки ба Худо (1Қур. 10,20).

**1,24** Дар ин боб се маротиба оид ба он сухан меравад, ки Худо одамро ба чизе *гирифтор кард,* ки ба он рағбат дошт: ба *нопокӣ* (1,24), *ҳавасҳои нангин* (1,26) ва ба фикрҳои вайрон (1,28). Ба ибораи дигар, ғазаби Худо ба ҳама тарафи ҳастии одамизод фурӯ рехт.

Дар ҷавоб ба рағбати бади дилҳояшон Худо онҳоро ба фосиқии ҷинсӣ – зино, фисқу фуҷур, бадахлоқӣ, фоҳишагӣ ва ғайра супорид. Зиндагӣ барои онҳо ба базмҳои фосиқонаи беохир мубаддал гашт, ки дар он ҷо *онҳо аданҳои худро бо ҳамдигар нангин мекарданд.*

**1,25** Худо онҳоро барои он тарк кард, ки аввал худи онҳо аз *ҳақиқати* Худо даст

кашиданд ва ба фиребу бутпарастӣ дода шуданд. Бут фиреб, тасвири нодурусти Худост. Бутпараст ба симои *офарида* саҷда карда, *Офаридгорро,* ки сазовори ҷалоли ҷовидонист, таҳқир ва бешараф мекунад.

**1,26** Бо худи ҳамин сабаб Худо одамонро вогузошт, ки бо ҳамҷинсони худ ба фосиқӣ дода шаванд. *Занҳо* бо роҳи ғайритабиӣ бешармона нафси шаҳвонии худро бо занҳо қонеъ мегардонданд.

**1,27** *Мардҳо* истифодаи табииро пурра таҳриф намуда, бо мардҳо ба фосиқӣ дода мешуданд. Аз муносибатҳои оилавии аз тарафи худи Худо муқарраршуда даст кашида, онҳо шаҳваташонро бар дигар мардҳо аланга медоданд. Лекин ин гуноҳ дар бадани онҳо ва дили онҳо низ намоён гардид. Беморихо, ҳисси беарзишӣ, эҳсоси доимии гуноҳ ва пастшавии шахсият ҳамчун заҳри каждум таъсир карданд. Ин оят ақидаеро рад менамояд, ки ҳар як одам чунин гуноҳ карда, метавонад ба осонӣ онро фаромӯш кунад.

Дар замони мо қабул шудааст, ки ҳомосексуализмро ё беморӣ ва ё тарзи дигари зиндагонӣ ҳисоб кунем. Масеҳиён бояд дар ин масъалаҳо хеле эҳтиёткор бошанд, то ақидаи мардумиро қабул накунанд, балки танҳо бо *Каломи Худо* амал намоянд. Дар Аҳди Қадим ин гуноҳ бо марг ҷазо дода мешуд (Иб. 18,29; 20,13), ва дар Аҳди Нав ҳамчунин омадааст, ки кунандагони ин кор сазовори марганд (Рум. 1,32). Навиштаи Муқаддас ҳомосексуализмро гуноҳи вазнин мешуморад. Барои ҳамин ҳам Садӯм ва Амуро, ки дар он ҷо мардони ба шаҳват додашуда бар зидди Лути росткор хестанд, аз рӯи замин нест карда шуданд (Ҳас. 19,4-25).

Инҷил ба ҳомосексуалистон низ чун ба гуноҳкорони дигар афв ва бахшоиш пешниҳод мекунад, агар онҳо аз гуноҳи хеш тавба кунанд ва ба Худованд Исои Масеҳ имон оваранд. Ва ҳатто масеҳиёне ки ба ин гуноҳи бад фурӯ рафтаанд, метавонанд соҳиби омурзиш ва навшавӣ гарданд, агар тавба кунанд ва аз он даст кашанд. Касе ки мехоҳад пурра ба Каломи Худо итоат кунад, метавонад тамоман аз чунин рағбати бад раҳоӣ ёбад. Дар баробари ин кӯмаки доимӣ ва дастгирии рӯҳонӣ доштан ниҳоят муҳим аст.

Бешубҳа, ба баъзе одамон як навъ майли табиӣ ба ашхоси ҳамҷинс хос аст. Ин тааҷҷубовар нест, зеро табиати фурӯғалтидаи одамӣ ба ҳар намуди гуноҳ ва таҳриф қобил аст. Гуноҳ на дар майл ба он аст, балки дар худи амал. Рӯҳулқудс ба мо қувват медиҳад, то ба васваса муқобилат кунем ва аз болои гуноҳ дар давоми тамоми зиндагониямон ғолиб шавем (1Қур. 10,13). Баъзе масеҳиён дар Қуринтус шоҳиди зиндаи он буданд, ки аз ин гуноҳ ҳақиқатан халос шудан мумкин аст (1Қур. 6,9-11).

**1,28** Барои он ки одамон нахостанд дар бораи Худо ҳамчун Офаридгор, Парвардигор ва Наҷотдиҳанда фикр кунанд, Ӯ онҳоро ба дасти *ақли вайрони онҳо супорид,* то онҳо машғули ҳама амалҳои номатлуби зикршуда шаванд. Ин оят ба амиқтар дарк кардани моҳияти масъала кӯмак мекунад, ки чаро назарияи инкишоф ба одамон ин қадар маъқул аст. Сабаб дар далелҳои зеҳнӣ не, балки дар хоҳишҳои одамон аст. Одамон *Худоро* бо *ақли* худ *шинохтан* намехоҳанд. Охир сабаб дар он нест, ки далелҳо ба фоидаи назарияи инкишоф чунон аёнанд, ва одамон маҷбуранд ба он бовар кунанд, ҳеҷ гоҳ не. Дар асл онҳо мехоҳанд чунин назарияи пайдоиши оламро ёбанд, ки дар он барои Худо ҷое набошад; охир онҳо медонанд, ки агар Худо вуҷуд дошта бошад, онҳо дар назди Ӯ ҷавобгарии маънавӣ доранд.

**1,29** Дар ин ҷо рӯйхати гуноҳҳои гуногун оварда шудааст, ки одами аз Худо дуршударо тасвир мекунад. Бинед, ки вай аз ин гуноҳҳо *пур* аст, на ин ки фақат баъзан машғули онҳост. Вай ба гуноҳҳое ки ба табиати одам мухолифанд, одат кардааст. Ин *норостӣ* (беинсофӣ), *фосиқӣ* (зинокорӣ ва дигар шаклҳои муносибатҳои ҷинсии номатлуб);[2] *макр* (зоҳиршавии бадӣ); *тамаъ* (бахилӣ, рағбати ҳарисона ба сармояғундорӣ); *кина* (хашм, кӯшиши ба атрофиён дард расонидан, адовати заҳролуд); *ҳасад* (ҳисси ҳасадхӯрӣ ва рашк ба ҳамаи атрофиён); *куштор* (куштори барқасд, хоҳ дар ҳолати ғазаб ё пайваст бо ҷинояти дигар бошад); *ҷанҷол* (муноқиша, ҷанҷол, низову нифоқ); *фиреб* (ҳилагарӣ, хиёнаткорӣ, фитна); *бадхӯӣ* (хашм, бераҳмӣ, тундмизоҷӣ).

**1,30** Одамон *бадгапанд* (бадгӯӣ ва ғайбат мекунанд); *туҳматчӣ ҳастанд* (ошкоро атрофиёнро ҳақорат ва таҳқир мекунанд); *худобадбин ҳастанд* (Худоро бад мебинанд); *дилозоранд* (ба одамон беэътиноӣ мекунанд

ва обрӯи онҳоро паст мезананд); *худсито ҳастанд* (лофзан ҳастанд ва худро намоиш медиҳанд); *ҳавобаланд ҳастанд* (такаббуркунанда ва худписанд ҳастанд); *бадандешанд* (тарзҳои гуногун ва маккоронаи расонидани зарарро бофта мебароранд); *ба падару модарон итоат намекунанд* (обрӯву эътибори волидайнро инкор мекунанд);

**1,31** *бефаҳманд* (намунаи ахлоқӣ ва рӯҳонӣ надоранд, бешарм ҳастанд); *аҳдшикан* ҳастанд (ваъда, шартнома ва муоҳидаро барои нафъи худ вайрон мекунанд); *номеҳрубон*анд (бемуҳаббат, бар акси муносибатҳо ва уҳдадориҳои табиии байни одамон амал мекунанд); *оштинопазир* ҳастанд (бахшидан намехоҳанд, сангдиланд); *бераҳманд* (золим ва қасосгиранд)[3].

**1,32** Онҳое ки муносибатҳои ҷинсиро нодуруст истифода мебаранд ва таҳриф менамоянд (1,24.26.27) ва ба гуноҳҳои дар боло зикршуда дода мешаванд (1,29-31), дар қаъри дил мефаҳманд, ки на танҳо як кори нодуруст мекунанд, балки барои ин *сазовори марганд*. Ва агарчи онҳо нишондодҳои Худоро медонанд, лекин мекӯшанд гуноҳҳои худро сафед кунанд ва қонунӣ гардонанд. Ин дониш онҳоро аз он ки пурра ба нопокӣ дода шаванд, нигоҳ намедорад. Онҳо бо одамони дигар як мешаванд, то онҳоро ба ҳамин кор барангезанд, ва дар баробари ин як ҳисси рафоқатро бо шарикони гуноҳи худ эҳсос менамоянд.

---

## БУТПАРАСТОНЕ КИ ХУШХАБАРРО НАШУНИДААНД

Пас Худо чӣ гуна ба саволе ҷавоб медиҳад, ки оё он бутпарастоне ки ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд, ҳалокшудагонанд? Бутпарастон дар он гуноҳкоранд, ки мувофиқи он нуре ки Худо барои онҳо дар офариниши Худ аён кард, зиндагӣ накарданд. Ба ҷои ин онҳо ба бутҳо саҷда карданд ва дар натиҷа ба пастӣ ва фосиқӣ дода шуданд.

Лекин ба ҳар ҳол тасаввур мекунем, ки як бутпарасте ҳаст, ки *дар ҳақиқат* мувофиқи нури Худо, ки дар офариниш намудор аст, зиндагӣ мекунад. Фарз кардем, вай ҳамаи бутҳои худро сӯхт ва кӯшиш мекунад Худои барҳақро шиносад. Бо вай чӣ хоҳад шуд?

Дар байни имондорони инҷилӣ оид ба ин масъала ду ақида вуҷуд дорад.

Баъзеҳо бовар мекунанд, ки агар одам ҳақиқатан бо он нуре ки ба мо дар офариниш аён мешавад, дар ризоият зиндагӣ кунад, Худо ба ӯ имкон медиҳад Хушхабарро шунавад. Ба сифати мисол Корнилюс оварда мешавад. Вай Худоро меҷуст. Худо дуоҳо ва хайру эҳсони вайро дид, ва Петрусро фиристод, то ба вай оид ба он нақл кунад, ки чӣ гуна наҷотро ба даст оварад (Аъм. 11,14).

Дигарон чунин меҳисобанд, ки агар одам бо имон ба Худои ягона ва зиндае ки дар офариниш аён мешавад, зиндагӣ кунад, вале Хушхабарро нашунида мирад ҳам, Худо, новобаста ба он, дар асоси марги Исо дар Ҷолҷолто ба вай омурзиш медиҳад. Ва агарчи ин одам оид ба Исо ва қурбонии Ӯ ҳеҷ чизро надонад ҳам, Худо, дар асоси ҷидду ҷаҳди вай ба сӯи нур, амали ин қурбониро ба вай низ паҳн мекунад. Онҳое ки тарафдори ин нуқтаи назар ҳастанд, тасдиқ мекунанд, ки Худо то Ҷолҷолто зистагонро маҳз ҳамин хел наҷот медод ва ноқисулақлону кӯдаконеро, ки то ба синни барои гуноҳҳои худ ҷавобгар шудан нарасида мемиранд, наҷот медиҳад.

Нуқтаи назари якум метавонад бо ҳодисаи Корнилюс тасдиқ шавад. Истифодашавии ақидаи дуюм нисбати замони пас аз мурдан ва растохези Исо (нисбати замони мо) тасдиқи худро дар Навишта намеёбад. Ғайр аз ин, он зарурати амали ҳамагонии миссионериро хеле суст мегардонад.

---

Ҳамин тариқ, Павлус нишон дод, ки бутпарастон ҳалокшудагонанд ва ба Хушхабар эҳтиёҷ доранд. Акнун вай ба гурӯҳи дигари одамон муроҷиат мекунад, ки оид ба он ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Мо ҳисоб мекунем, ки дар ин ҷо вай ба одамоне муроҷиат мекунад, ки поквиҷдонӣ ва баландахлоқии худро далел меоранд, хоҳ яҳудиён ва хоҳ ғайрияҳудиён бошанд. Аз ояти якум аниқ мешавад, ки инҳо носеҳони худписананд, зеро рафтори атрофиёнро таъна мекунанд, ҳарчанд худашон ҳамон гуноҳро содир мекунанд. Оятҳои 9, 10, 12, 14 ва 15 нишон медиҳанд, ки Павлус дар ин ҷо ҳам яҳудиёнро ва ҳам ғайрияҳудиёнро дар назар дорад. Ҳамин тавр, саволе ба миён

меояд: «*Наход одамоне ки ба поквиҷдонӣ ва хушахлоқии худ боварӣ доранд, хоҳ яҳудиён ва ё ғайрияҳудиён, ҳамчунин ҳалокшудагонанд?*» Чунон ки мо мебинем, ҷавоб аниқ аст: «Оре, онҳо ҳамчунин ҳалокшудагонанд».

**2,1** Гурӯҳи дигарро касоне ташкил медиҳанд, ки ба бутпарастон аз боло назар карда, худро нисбатан фарҳангнок, бомаърифат ва бошараф мешуморанд. Онҳо бутпарастони нодонро барои ахлоқи бешармонаашон маломат мекунанд, вале худашон низ он қадар ҳам бегуноҳ нестанд, фақат гуноҳҳои онҳо нисбатан нозуктаранд. Пас аз гуноҳкоршавӣ одам камбудиҳои дигаронро назар ба гуноҳҳои худаш бо рағбати хеле зиёдтар зикр мекунад. Он чи дар дигарон ба вай нафратангез ва ношоиста менамояд, вай дар худ комилан раво медонад. Лекин дигаронро барои гуноҳашон *ҳукм* кардани вай маъноеро дорад, ки худаш фарқи хубӣ ва бадиро медонад. Агар вай фаҳмад, ки касе ки зани вайро мебарад, кори нодуруст мекунад, вай мефаҳмад, ки ба худи вай низ рабудани зани касе ҷоиз нест. Ҳамин тавр, агар одам дигареро барои гуноҳҳои худаш мекардагӣ маҳкум намояд, кори вай нобахшиданист.

Дар асл гуноҳҳои одамони бомаърифат аз гуноҳҳои ҷоҳилон ҳеҷ фарқ намекунанд. Ва агарчи бомаърифат метавонад эрод гирад, ки вай ҳамаи гуноҳҳои дар боло зикршударо содир накардааст, вай бояд чизҳои зеринро дар хотир дошта бошад:

1. Вай комилан метавонад онҳоро содир кунад.
2. Яке аз фармудаҳоро вайрон карда, вай дар ҳама чиз гуноҳкор мешавад (Яъқ. 2,10).
3. Вай дар хаёл гуноҳҳое мекунад, ки гарчанд онҳо метавонанд ҳеҷ гоҳ дар ҳаёт татбиқ нашаванд, ҳамчунин гуноҳ ҳастанд. Исо, масалан, меомӯхт, ки бо шаҳват нигаристан низ ба зино баробар аст (Мат. 5,28).

**2,2** Он чи ба носеҳони худписанд зарур аст дарк кардани *доварии Худо* мебошад, ки дар пеш аст. Дар оятҳои 2-16 расул водор мекунад оид ба ин чизҳои дар пеш истода андешем ва мефаҳмонад, ки он чӣ гуна доварӣ мешавад. Аввалан, *доварии Худо барҳақ* иҷро мешавад. Он дар шаҳодатҳои тасодуфӣ, беэътимод ва субъективӣ асос намеёбад, балки дар ҳақиқат, танҳо дар ҳақиқат ва на дар ягон чизи дигар, ғайр аз ҳақиқат.

**2,3** Сониян, *доварии Худо ҳатман* ба касе *меояд,* ки дигаронро барои кори худаш мекарда айбдор мекунад. Қобилияти *айбдоркунӣ* вайро аз ҷавобгарӣ озод намекунад. Баръакс, он гуноҳи вайро танҳо вазнинтар мекунад.

Аз доварии Худо танҳо дар ҳолате раҳо ёфтан мумкин аст, ки *тавба* кунем ва *афв карда* шавем.

**2,4** Сеюм, мо мефаҳмем, ки баъзан доварии Худо мавқуф гузошта мешавад. Ин таъхир исботи *меҳрубонӣ, тоқат ва пурсабрии* Худост. *Меҳрубонии* Ӯ нишон медиҳад, ки Ӯ ба гуноҳкорон хайрхоҳона муносибат мекунад, ҳарчанд аз гуноҳи онҳо нафрат дорад. *Тоқати* Ӯ дар ин ҳолат дар он зоҳир мешавад, ки Ӯ бо ҷазои Худ бар фосиқию ғурури одамон таъхир мекунад. *Пурсабрии* Ӯ қобилияти аҷиби нигоҳ доштани ғазаби Худ аст, сарфи назар аз он ки одам ҳамеша густохона амал мекунад.

*Меҳрубонии Худо,* ки дар пуштибонӣ, ҳимоя ва васояти Ӯ зоҳир мешавад, ба он равона шудааст, ки одамро ба *тавба* оварад. Худо намехоҳад, ки касе ҳалок шавад, балки мехоҳад ҳама тавба намоянд (2Пет. 3,9).

*Тавба* гардиши куллии ҳаётро ба саду ҳаштод дараҷа нишон медиҳад – тахтапушт ба гуноҳ ва рӯй ба Худо. «Ин тағйирот дар шуур, ки тағйироти мақсадро ба вуҷуд меоварад, ба тағйирот дар рафтор оварда мерасонад»[4]. Ҳангоми тавба одам нисбати худ ва гуноҳҳои худ ҳамон вазъиятро ишғол мекунад, ки Худо ишғол кардааст. Ин на танҳо дарки зеҳнии пургуноҳӣ аст – тавба дар дил ҳам ба вуҷуд меояд, чунон ки Ҷон Нютон навишта буд: «Дили ман гуноҳи маро эҳсос ва эътироф мекард».

**2,5** Чорум, мо мефаҳмем, ки *доварии Худо мувофиқи афзудани гунаҳкорӣ вазнинтар мешавад*. Павлус шарҳ медиҳад, ки гуноҳкорони саркаш ва бенадомат худашон барои худ таъна *зиёд мегардонанд*, мисли он ки хазинаҳои хешро пур мекунанду бо онояндаи хешро месозанд. Лекин чӣ гуна оянда онҳоро интизор аст, ҳангоме ки оқибат *ғазаби* Худо дар *доварии* назди Тахти Бузурги Сафед ба онҳо аён мешавад (Ваҳй 20,11-15)! Дар он рӯз аниқ мешавад, ки *доварии Худо* комилан *ҳаққонӣ аст* ва дар он ягон рӯйбинӣ ва беадолатӣ нест.

**2,6** Дар панҷ ояти оянда Павлус ба мо ёдрас мекунад, ки доварии Худо мувофиқи корҳои одам гузаронида мешавад. Одам метавонад бо поквиҷдонии худ фахр кунад. Вай

метавонад ба асли нажодӣ ва миллии худ такя кунад. Вай метавонад далелҳо пеш оварад (барои сафед кардани худ), ки дар насабномаи вай имондорон буданд. Лекин вай *мувофиқи корҳояш* доварӣ карда мешавад, на аз рӯи кадоме аз ин далелҳо. Маҳз амалҳои вай ояндаашро муайян мекунанд.

Агар оятҳои 6-11-ро берун аз матн дида бароем, метавонем тахмин кунем, ки дар ин ҷо оид ба наҷот аз рӯи амалҳо сухан меравад. Таассуроте ба вуҷуд меояд, ки гӯё дар онҳо навишта шудааст, ки некӯкорон сазовори ҳаёти абадӣ мешаванд.

Лекин мо бояд фаҳмем, ки ин ҷо таълимот оид ба наҷот аз рӯи амалҳо буда наметавонад, зеро он ба шаҳодати асосии Навишта оид ба он ки наҷот новобаста ба амалҳо, аз рӯи имон дода мешавад, мухолифат мекунад. Луис Чафер зикр мекунад, ки дар Аҳди Нав тақрибан 150 порча наҷотро яқин дар имон асоснок мекунанд.[5] Ҳангоми дуруст фаҳмидан, ягон порчаи Нома наметавонад ба чунин шаҳодати равшан мухолифат кунад.

Он гоҳ мо ин ҷойро чӣ хел фаҳмем? Пеш аз ҳама дарк кардан даркор аст, ки корҳои ҳақиқатан хубро танҳо шахси аз олами боло зодашуда карда метавонад. Ҳангоме ки одамон аз Исо пурсиданд: «Мо чӣ кор кунем, то амалҳои писандидаи Худоро кунем?» Ӯ ҷавоб дод: «Амали писандидаи Худо ин аст, ки ба Он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред» (Юҳ. 6,28.29). Инак, амали якуми хубе ки одам метавонад иҷро кунад, имон овардан ба Худованд Исои Масеҳ аст, лекин дар баробари ин мо бояд фаҳмем, ки худи имон амали шоёни подош нест, ки барои он мо наҷот меёбем. Яъне ҳангоме ки наҷотнаёфтагон ба доварӣ ҳозир мешаванд, онҳо ягон чизро барои сафед кардани худ пешкаш карда наметавонанд. Ҳамаи он чи онҳо росткории худ мешумурданд, чун либоси ифлосшуда намудор мешавад (Иш. 64,6). Гуноҳи аз ҳама вазнини онҳо дар он мешавад, ки онҳо ба Худованд Исо имон наоварданд (Юҳ. 3,18). Беш аз ин, амалҳои онҳо вазнинии ҷазоро муайян мекунанд (Луқ. 12,47.48).

Аммо чӣ мешуд, агар имондоронро низ аз рӯи амалҳояшон доварӣ мекарданд? Албатта, онҳо наметавонанд ҳеҷ гуна амалҳои хубро пешкаш кунанд, ки бо онҳо сазовори наҷот шаванд. Ҳамаи амалҳои онҳо то наҷот ёфтан гуноҳолуд буданд. Аммо Хуни Исо ҳамаи гузаштаро шуст. Ва акнун Худи Худо наметавонад дар онҳо айбе ёбад, ки онҳоро сазовори дӯзах мекарда бошад. Имондорон баъди наҷот ёфтан ба ҷо овардани амалҳои хубро сар мекунанд – шояд дар назари ҷаҳониён на он қадар амалҳои хуб, лекин дар назари Худо хуб. Амалҳои хуби онҳо натиҷаи наҷот мебошанд, на сабаби он. Пеши курсии доварии Масеҳ корҳои онҳо аз нав дида баромада мешаванд, ва онҳо барои хизмати содиқонаашон подош мегиранд.

Лекин дар баробари ин мо набояд фаромӯш кунем, ки дар ин порча сухан дар бораи наҷотёфтагон не, фақат оид ба беимонон меравад.

**2,7** Мувофиқи амалҳо иҷро шудани довариро фаҳмонда, Павлус зикр мекунад, ки *Худо ҳаёти ҷовидониро ба онҳое* медиҳад, ки *доим кори нек карда, ҷалол, иззат ва бефаноӣ меҷӯянд.* Чунон ки мо аллакай фаҳмонда будем, ин маънои онро надорад, ки одамон *доим кори нек карда* наҷот меёбанд. Ин тамоман Инҷили дигар мешуд. Дар ҳаёти воқеӣ ҳеҷ кас ин гуна зиндагӣ намекунад, ва бе қудрати Худо ҳеҷ кас қобилияти чунин зистанро ҳам надорад. Агар касе дар ҳақиқат ба таъйиноти дар боло овардашуда мувофиқ бошад, пас вай бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтааст. *Ҷалол, иззат ва бефаноӣ* ҷустани вай шаҳодат медиҳад, ки вай аз олами боло зода шудааст. Тамоми ҳаёти вай нишонаи имон оварданаш аст.

Вай *ҷалол ва иззати* осмониро меҷӯяд, ки аз Худо бармеояд (Юҳ. 5,44); ва *бефаноиро,* ки ба ҷисми аз мурдагон бархеста хос аст (1Қур. 15,53.54); мероси осмониро, ки безавол, поку хазоннашаванда аст (1Пет. 1,4).

Худо ба онҳо *ҳаёти абадӣ* ато мекунад, ки имондор буданашро бо ҳаёти худ исбот мекунад. Дар Аҳди Нав калимаҳои *«ҳаёти абадӣ»* метавонанд якчанд таъриф дошта бошанд. Сараввал, онҳо он чизеро ифода мекунанд, ки мо аллакай дорем, чизеро ки мо ҳангоми ба Масеҳ имон овардан доро мешавем (Юҳ. 5,24). Сониян, ин чизест, ки мо дар оянда соҳиб мешавем, ҳангоме ки ҷисмҳои наву ҷалолёфтаро қабул мекунем (Рум. 2,7; 6,22). Ва сеюм, агарчи ҳаёти абадӣ мукофотест, ки бо имон қабул карда мешавад, баъзан оид ба он ҳамчун мукофот барои вафодорӣ сухан меронанд (Марқ. 10,30). Ҳамаи имондорон соҳиби *ҳаёти абадӣ* мешаванд, лекин баъзеҳо нисбат ба дигарон

имконияти зиёдтари ҳаловат бурданро соҳиб мешаванд. Ҳаёти абадӣ на фақат мавҷудияти беинтиҳо аст, ин сифати нави зиндагист, *ҳаёти фаровон,* ки онро Наҷотдиҳанда ваъда додааст (Юҳ. 10,10). Ҳамин аст *ҳаёти* Худи Масеҳ (Кул. 1,27).

**2,8** *Онҳое ки худхоҳ буда, ба ростӣ итоат намекунанд,* ва зиёда аз он, *ба норостӣ итоат мекунанд, ба хашму ғазаб* гирифтор мешаванд. Онҳо *ба ростӣ итоат намекунанд;* онҳо ҳеҷ гоҳ ба даъвати Инҷил ҷавоб надодаанд. Онҳо беинсофиро ҳамчун амири худ интихоб намуданд. Ҳаёти онҳо комилан аз мубориза, зиддият ва беитоатӣ, ки ҳамроҳони асосии беимонӣ мебошанд, иборат аст. Ин исботи равшани он аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ наҷот наёфтаанд.

**2,9** Расул аз нав муқарраротиХудоро, ки ба ду намуди амалҳо ва амалкунандаҳо тааллуқ дорад, такрор мекунад, фақат бо тартиби дигар.

Ин муқаррарот *мусибату тангӣ* ба ҳар як касест, ки *кори бад мекунад.* Дар ин ҷо мо боз як бор таъкид менамоем, ки амалҳои бад дили бад ва беимонро фош мекунанд. Амалҳои одам муносибати вайро ба Худо нишон медиҳанд.

Калимаҳои *«аввалан ... яҳудӣ ва ҳам юнонӣ»* онро ифода мекунанд, ки доварии Худо тибқи имтиёзҳо ва ваҳйҳои додашуда амалӣ мегардад. Ба яҳудиён якум шуда имтиёзи халқи Худо номида шудан ато шуда буд; маҳз онҳо якум ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин тарафи доварии Худо дар оятҳои 12-16 равшан гардидааст.

**2,10** Ин муқаррарот – *ҷалол, иззат ва осоиш ба ҳар кас* аст: ҳам ба яҳудӣ, ҳам ба юноние ки *кори нек* мекунад. Ва биёед боз ба ёд меоварем, ки аз нуқтаи назари Худо ҳеҷ кас наметавонад ягон хубие кунад, бе он ки аввал имон ва умеди худро ба Худованд Исои Масеҳ вогузор намояд.

Калимаҳои «аввалан, ба яҳудӣ, ва ҳам ба юнонӣ» маънои хайрхоҳии зиёдтари Худоро ба халқҳои гуногун надорад, чунки ояти оянда мегӯяд, ки Ӯ рӯйхотир надорад. Ҳамин тариқ, ин ибора пайдарҳамии таърихиро тасвир мекунад, ки дар он Хушхабар паҳн гардидааст (ҳамчун 1,16). Пеш аз ҳама вай ба яҳудиён мавъиза карда шуд, ва имондорони якум яҳудиён шуданд.

**2,11** Боз як далели дигар, ки ба доварии Худо робита дорад, он аст, ки Ӯ *рӯйбинӣ надорад.* Одатан дар мурофиаҳои судӣ афзалият ба онҳое дода мешавад, ки андоми хуш дошта бошанд, бой ва муътабар бошанд, лекин Худо *рӯйбинӣ надорад.* Ба ақидаи Ӯ на миллат таъсир мерасонад, на аслу насаб, на вазъи иҷтимоӣ.

**2,12** Чунон ки мо ёдрас кардем, оятҳои 12-16 нисбатан муфассалтар мефаҳмонанд, ки вазнинии доварӣ ба он вобаста мешавад, ки чӣ қадар ба одам ошкор карда шуда буд. Дар ин ҷо боз ду гурӯҳи одамон дида баромада мешаванд: онҳое ки шариат надоштанд (ғайрияҳудиён), ва онҳое ки таҳти шариатанд (яҳудиён). Ғайр аз аъзоёнии калисои Худо, дигар ҳама ба ин ду гурӯҳ дохил мешаванд (ниг. 1Қур. 10,32, ки дар он ҷо инсоният ба се синф тақсим мешавад).

Онҳое *ки дорои шариат набуда, гуноҳ карданд, берун аз шариат низ ҳалок мешаванд.* Дар ин ҷо навишта нашудааст, ки онҳо бе шариат доварӣ карда мешаванд; онҳо бе шариат *ҳалок мешаванд.* Онҳо аз рӯи он чи Худо ба онҳо ошкор кард (чӣ тавре ки бошад), доварӣ карда мешаванд. Онҳо мувофиқи он ваҳй зиндагӣ карда натавониста, *ҳалок мешаванд.*

*Онҳое ки зери шариат буда, гуноҳ кардаанд, ба воситаи шариат маҳкум мешаванд,* ва агар онҳо шариатро иҷро накарда бошанд, он гоҳ ҳамчунин ҳалок мешаванд. Шариат итоати комилро талаб мекунад.

**2,13** Расман таҳти шариат будан кифоя нест. Шариат иҷрои мукаммал ва доимиро талаб мекунад. Ҳеҷ кас наметавонад танҳо барои он росткор ҳисобида шавад, ки мазмуни шариатро медонад. Роҳи ягонаи ба воситаи шариат соҳиби сафедшавӣ гардидан пурра ба он пайравӣ кардан аст. Лекин азбаски ҳамаи одамон гуноҳкоранд, ин кор аз дасташон намеояд. Ҳамин тавр, ин оят як ҳолати хаёлиро тасвир мекунад, на ин ки имкониятҳои воқеии одамро.

Аҳди Нав махсусан зикр мекунад, ки кас наметавонад ба воситаи иҷрои фармудаҳои шариат наҷот ёбад (ниг. Аъм. 13,39; Рум. 3,20; Ғал. 2,16.21; 3,11). Худо ҳеҷ гоҳ мақсад ҳам надошт шариатро чун воситаи наҷот ёфтан диҳад. Ҳатто агар одам ба риояи шариат шуруъ карда тавонад ҳам, ба ҳар ҳол худро сафед карда наметавонад, зеро Худо аз вай барои гуноҳҳои гузашта низ ҷазо медиҳад. Ҳамин хел, ҳангоме дар ояти 13 мо мехонем, ки *иҷрокунандагони*

*шариат сафед карда хоҳанд шуд,* мо бояд инро ба маънои итоати қатъӣ фаҳмем. Агар касе аз рӯзи зода шудан итоаткори шариат буда метавонист, вай сафед карда мешуд. Лекин ҳақиқати талху даҳшатнок дар он аст, ки инро ҳеҷ кас кардан наметавонад.

**2,14** Оятҳои 14 ва 15 як навъ тафсири иловагӣ ба ояти 12 мебошад, ва дар он навишта шудааст, ки бутпарастоне ки бе шариат гуноҳ кардаанд, ҳамчунин бе шариат ҳалок мешаванд. Дар ин ҷо Павлус мефаҳмонад, ки агарчи шариат ба бутпарастон дода нашудааст, онҳо оид ба хубӣ ва бадӣ дониши ботинӣ доранд. Онҳо аз рӯи фаросат медонанд, ки дурӯғгӯӣ, дуздӣ, зинокорӣ ва куштор мумкин нест. Ягона фармуда, ки дар сатҳи фаросат кушода нашуд, фармуда оид ба шанбе аст, аммо он бештар хусусияти маросимӣ дорад, на ин ки ахлоқӣ.

Ҳамин тариқ, ҳама чиз ба он меояд, ки агар *халқҳо* шариат надошта бошанд, пас онҳо *худашон барои худ шариат ҳастанд.*

Худи онҳо барои худ дар асоси донише ки дар онҳо ҳаст, меъёри ахлоқӣ тартиб медиҳанд.

**2,15** *Онҳо нишон медиҳанд, ки амали шариат дар дилашон навишта шудааст.* Бинед, ки дар дилҳои онҳо на худи шариат, балки *амали шариат* навишта шудааст. Он амале ки шариат дар ҳаёти исроилиён бояд ба вуҷуд меовард, як дараҷа дар ҳаёти бутпарастон низ дида мешавад. Масалан, он факт, ки онҳо зарурати ҳурмати волидонро дарк мекунанд, нишон медиҳад, ки *амали шариат дар дилҳои онҳо навишта шудааст.* Ҳамчунин онҳо медонанд, ки баъзе аз амалҳо умуман нодурустанд. Виҷдони онҳо, чун индикатор кор карда, ин дониши фаросатиро тасдиқ мекунад. Фикрҳои онҳо *гоҳе айбдор ва гоҳе сафед* карда, баъзан манъ, ва баъзан иҷозат дода, доимо амалҳои онҳоро таҳлил ва арзёбӣ мекунад.

**2,16** Ин оят мавзуи ояти 12-ро идома медиҳад. Вай шарҳ медиҳад, ки кай онҳое ки таҳти шариатанд ва онҳое ки бешариатанд, ба доварӣ кашида мешаванд. Дар баробари ин вай воқеияти охиринро оид ба доварии Худо мекушояд: дар доварӣ на танҳо гуноҳҳои аён, балки ҳамчунин амалҳои ниҳонии одамон дида баромада мешаванд. Он гуноҳе ки ҳозир дар умқи дилҳо маҳфуз аст, дар доварии назди Тахти Бузурги Сафед ба таври хиҷолатовар маълум карда мешавад. Он вақт Худи *Исои Масеҳ* Довар мешавад, зеро Падараш тамоми довариро ба Ӯ додааст (Юҳ. 5,22). Павлус *«ба ҳасби башорати* ман»-ро илова намуда «хушхабари ман ин тавр мегӯяд»-ро дар назар дорад. Хушхабари Павлус ҳамон Хушхабарест, ки расулҳои дигар низ мавъиза мекарданд.

**2,17** Аз ҳамин оят расул Павлус баррасии гурӯҳи сеюми одамонро шуруъ мекунад ва бо ин роҳ ба ин савол мегузарад, ки магар намояндагони халқи қадимаи Худо, яҳудиёнро, ҳалокшуда ҳисобидан мумкин аст. Албатта, ҷавоб чунин мешавад: «Ҳа, онҳо низ ҳалокшудагонанд».

Бешубҳа, бисёр яҳудиён ба он боварӣ доштанд, ки аз доварии Худо як навъ амон доранд. Онҳо фикр мекарданд, ки Худо ҳеҷ гоҳ *яҳудиро* ба дӯзах намефиристад. Ғайрияҳудиён бошанд, баръакс, ҳезуми оташи дӯзах буданд. Акнун Павлус бояд ин фикри ғалатро вайрон кунад, ва аён намояд, ки дар баъзе мавридҳо ғайрияҳудиён метавонанд ба Худо аз яҳудиён дида наздиктар бошанд.

Сараввал дар ин ҷо он чизҳое номбар шудаанд, ки бо онҳо яҳудӣ наздикии худро ба Худо асоснок мекунад. Вай *яҳудӣ* ном дорад ва ба хотири ин ба халқи интихобшудаи Худо мансуб аст. Вай барои худ дар *шариат* осудагӣ ёфт, аммо шариат на барои он дода шудааст, то осудагӣ орад, балки барои он ки дили одамро барои дарки гуноҳолуд буданаш бедор кунад. Вай *аз шинохтани Худо фахр мекунад,* Худои яккаву ягона ҳақиқие ки паймони беназире бо халқи Исроил бастааст.

**2,18** Вай *хости* Худоро медонад, зеро дар Навишта тасаввуроти умумӣ роҷеъ ба он дода шудааст. Вай тарафдори ҳама чизҳои *нек* аст, ба хотири он ки *шариат* ба вай оид ба арзишҳои ахлоқӣ тасаввуроти дуруст медиҳад.

**2,19** Вай бо он мефахрад, ки гӯё ба одамони ахлоқан ва рӯҳан *кӯр роҳнамо* аст, *нурест* барои онҳое ки дар ҷаҳолат қарор доранд.

**2,20** Вай чунон ҳис мекунад, ки гӯё ҳақ дорад *ҷоҳилонро* ва бесаводонро ислоҳ кунад, ва *кӯдаконро* ёд диҳад, зеро *шариат* ба вай асосҳои дониш ва ҳақиқатро медиҳад.

**2,21** Аммо чизе ки яҳудӣ бо он фахр мекунад, ҳеҷ гоҳ дар ҳаёти шахсии вай инъикос нагардидааст. Ин фақат фахр барои халқи худ, барои дини худ ва дониши худ аст, ки ягон тағйироти воқеӣ намеорад. Вай ба дигарон ёд медиҳад, лекин худаш онро дар дил

ҷой намедиҳад. Вай ба дуздӣ накардан даъват мекунад, аммо худаш тибқи даъватҳояш амал намекунад.

**2,22** Ҳангоме ки вай мегӯяд: *«Зино набояд кард»,* вай дар назар дорад: «Он чиро ки ман мегӯям, бикун, на он чиро, ки мекунам» Дар ҳоле ки вай *бутҳоро* бад мебинад ва аз онҳо *нафрат дорад,* вай бе ягон шубҳа, муқаддасотро таҳқир мекунад, вақте ки эҳтимол парастишгоҳҳои бутпарастонро *ғорат мекунад.*

**2,23** Вай бо он фахр мекунад, ки шариат дорад, аммо *шариатро вайрон карда,* обрӯи *Худоро,* ки онро додааст, мерезонад.

**2,24** Ин вобастагии суханони баланд ва амалҳои паст *халқҳоро* водор месохт *номи Худоро* хор кунанд. Онҳо, чун ҳамаи одамҳо, оид ба Худо дар асоси он чи дар пайравони Ӯ медиданд, баҳо медоданд. Ҳар замони Ишаъё низ худи ҳамин хел буд (Иш. 52,5), ва имрӯз ҳам ин рӯй медиҳад. Ҳар яки мо бояд аз худ бипурсем:

Агар ҳама чизе ки онҳо оид ба Исои Масеҳ медонанд, он аст, ки чӣ гуна онҳо Ӯро дар ту, (дар ин ҷо номи худро гузор), мебинанд, пас онҳо чиро мебинанд?

**2,25** Чун илова ба шариат, яҳудиён бо *хатнаи* худ фахр мекарданд. Ин амалиёти хурди ҷарроҳиест дар пӯсти нӯги олати таносули марди яҳудӣ. Ин аз тарафи Худо ҳамчун нишонаи паймон бо Иброҳим муқаррар шуда буд (Ҳас. 17,9-14). Ин рамзи аз ҷаҳон барои Худо ҷудо карда шудани халқ аст. Баъд аз чанд вақт яҳудиён бо ин гуна ҷарроҳӣ ба дараҷае мағрур шуданд, ки ҳамаи ғайрияҳудиёнро «бехатнаҳо» меномиданд.

Дар ин ҷо Павлус *хатнаро* бо *шариати* Мусо мепайвандад ва зикр мекунад, ки он ҳамбаста бо ҳаёти итоаткорона воқеӣ мешавад. Ба Худо оинҳои холис лозим нестанд. Ӯро бо маросимҳои рӯякӣ қонеъ кардан мумкин нест, агар онҳо бо покии ботинӣ вобаста набошанд. Ҳамин тариқ, яҳудии хатнашудае ки шариатро вайрон мекунад, метавонад ҳамон хел бехатна бошад.

Ҳангоме ки дар ин порча расул оид ба иҷрокунандагон ва риоякунандагони шариат менависад, мо суханҳои вайро набояд ба маънои мутлақаш фаҳмем.

**2,26** Ҳамин хел, агар ғайрияҳудӣ кодекси ахлоқиро, ки аз тарафи *шариат* муқаррар шудааст, риоя кунад, пас худаш дар ин ҳолат таҳти шариат набошад ҳам, *бехатнагии* вай бисёртар қобили қабул мешавад, нисбат ба яҳудие ки шариатро вайрон мекунад. Дар ин ҳол дили ғайрияҳудӣ хатнашуда аст, ва маҳз ҳамин қабул мешавад.

**2,27** Рафтори нисбатан хуби ғайрияҳудӣ яҳудиро айбдор мекунад, ки бо вуҷуди *дорои Навиштаҳо ва хатна* будан *шариатро* иҷро намекунад ва ҳаёти хатнашуда – ҳаёти ҷудошавӣ ва покӣ ба сар намебарад.

**2,28** Дар назари Худо *яҳудии* ҳақиқӣ на фақат он касест, ки дар ӯ хуни Иброҳим ҷӯш мезанад ва дар танаш нишонаи хатна ҳаст. Одам метавонад ин ҳар ду нишонаро дошта бошад, лекин дар баробари ин нокаси гузаро бошад. Худовандро нишонаҳои зоҳирии миллат ва ё дин фиреб дода наметавонанд, Ӯ самимият ва покизагии ботиниро меҷӯяд.

**2,29** *Яҳудии* ҳақиқӣ касест, ки на танҳо аз насли Иброҳим аст, балки боз худотарсона ҳаёт ба сар мебарад. Дар ин порча оид ба он гуфта нашудааст, ки ҳамаи имондорон яҳудиёнанд, ва калисо Исроили Худост. Павлус фақат оид ба онҳое менависад, ки волидайнашон яҳудӣ буданд, ва дар он истодагарӣ мекунад, ки дар оилаи яҳудӣ зода шудан ва оини хатнаро иҷро кардан кифоя нест. Дар ин ҷо боз ягон чизи ботинӣ бояд бошад.

*Хатнаи* ҳақиқӣ хатнаи *дил* аст; на фақат буридани пӯсти нӯги олати ҷинсӣ, балки амалиёти ҷарроҳии рӯҳонӣ дар дили кӯҳна ва ислоҳнашаванда.

Онҳое ки ҷузъиёти зоҳириро бо неъмати ботинӣ мепайванданд, аз Худо *ҳамд* мегиранд, на аз одамон. Дар ин оят суханбозии тарҷуманашаванда истифода мешавад. Калимаи «яҳудӣ» аз калимаи «яҳуд» бармеояд, ки маъноаш *«ситоиш»* аст. *Яҳудии* ҳақиқӣ касест, ки *ситоиши ӯ аз ҷониби Худост.*

**3,1** Дар ҳашт ояти аввали ин боб Павлус мавзуи айби яҳудиёнро идома медиҳад. Дар ин ҷо гӯё як мусоҳиби яҳудӣ пайдо мешавад, ки мекӯшад суханони расулро рад кунад. Ин суҳбат чунин менамояд:

МУСОҲИБ: Агар ҳамаи он чи шумо дар оятҳои 2,17-29 гуфтед, рост бошад, он гоҳ *яҳудӣ чи бартарӣ дорад* ва умуман *хатна чӣ фоида дорад?*

**3,2** ПАВЛУС: Яҳудиён бартариҳои махсуси гуногун доштанд. Аз ҳама муҳимтараш он аст, ки ба онҳо *Каломи Худо* супурда шудааст.

Ба яҳудиён Номаҳои Аҳди Қадим дода шуда буданд, то ин ки онҳоро рӯйнавис ва эҳтиёт кунанд. Лекин халқи Исроил ба ин бартарӣ чӣ хел муносибат кард?

Умуман вай беимонии даҳшатангезеро зоҳир намуд.

**3,3** МУСОҲИБ: Хуб, тасаввур кардем, ки на ҳамаи яҳудиён имондор буданд, лекин магар ин маънои онро дорад, ки Худо ваъдаҳои хешро иҷро намекунад? Охир, худи Ӯ Исроилро халқи Худ интихоб намуд ва худаш бо он паймон баст. Магар *бевафоии* касе метавонад *Худоро* ба вайрон кардани сухани Хеш маҷбур созад?

**3,4** ПАВЛУС: *Ҳеҷ гоҳ!* Агар саволе ба миён ояд, ки одам ҳақ аст ё Худо, он гоҳ ҳама вақт аз он сар кунед, ки *Худо* барҳақ аст, лекин *ҳар* як *одам дурӯғгӯй* аст. Довуд низ дар Забур 50,6 дар худи ҳамин бобат амалан навиштааст: Зикр кардан даркор аст, ки ҳама чизе ки Ту мегӯӣ, ҳақ аст, ва ҳар гоҳе ки одами гуноҳкор Туро айбдор мекунад, Ту сафед карда мешавӣ. Гуноҳҳои мо ҳақ будани суханҳои Худоро фақат тасдиқ мекунанд.

**3,5** МУСОҲИБ: Агар ҳамин хел бошад, он гоҳ Худо барои чӣ моро маҳкум мекунад? Агар ноҳақии мо барои равшантар дурахшидани ҳақиқати Худо имкон диҳад, чӣ хел Ӯ метавонад *ғазаби* Худро бар сари мо фурӯ резад? (Ва Павлус зикр мекунад, ки вай ин саволро дода, сирф аз мантиқи одамӣ истифода мекунад).

**3,6** ПАВЛУС: Ин далел баррасии ҷиддиро сазовор нест. Агар Худо ноҳақ рафтор кардан метавонист, дар он ҳол Ӯ чӣ тавр *оламро доварӣ* мекард? Аммо ҳамаи мо эътироф мекунем, ки Ӯ оламро доварӣ хоҳад кард.

**3,7** МУСОҲИБ: Лекин, агар гуноҳҳои ман ҷалоли Худоро баланд мебардошта бошад ва агар *дурӯғи* ман *ростии* Ӯро васф кунад, чӣ хел Ӯ метавонад маро дар он айбдор кунад, ки ман *гунаҳкор* ҳастам?

**3,8** Магар аз рӯи мантиқ намешавад, агар дар ин ҷо гӯем: *«Биёед бадӣ кунем, то ки некӣ ҳосил шавад ...»*

ПАВЛУС: Ҳа, зимнан, *баъзе* одамон моро, масеҳиёнро дар он айбдор мекунанд, ки гӯё аз ҳамин далел истифода мебарем, аммо ин туҳмат аст.

Дар бобати суханҳои шумо бошад, ман метавонам фақат гӯям, ки онҳое ки ин тавр фикр мекунанд, аслан сазовори *маҳкумият* мебошанд.

(Дар ҳақиқат далели мусоҳиб ҳар қадар бемаънӣ тобад ҳам, доимо бар зидди Хушхабар оид ба файзи Худо пешкаш карда мешавад. Одамон бисёр вақт мегӯянд: «Агар наҷот танҳо аз рӯи имон ба Исо дода шавад, он гоҳ рафта бепарвоёна гуноҳ кардан мумкин аст. Агар файзи Худо гуноҳҳои одамонро рӯйпӯш мекарда бошад, он гоҳ чӣ қадар зиёд гуноҳ кунӣ, файз ҳамон қадар зиёд зоҳир мешавад». Расул ба ин савол дар боби 6 муфассалтар ҷавоб медиҳад.)

**3,9** МУСОҲИБ: Яъне, магар шумо бо ин гуфтанӣ ҳастед, ки *мо,* яҳудиён, *ба ҳар ҳол* назди ин бутпарастони гуноҳкор *бартарӣ* дорем? Ё, мувофиқи баъзе дастнависҳои дигар, савол чунин буда метавонад: «Оё яҳудиён аз бутпарастон бадтаранд?» Ҷавоби ин савол метавонад чунин бошад, ки яҳудиён на хубтаранду на бадтар. Ҳама гуноҳкоранд.

Ва табиист, ки дар ин ҷо муҳокимаи Павлус ба саволи дигар мегузарад. Павлус аллакай нишон дод, ки бутпарастон (ғайрияҳудиён) ҳалокшудагонанд; ҳамчунин, одамоне ки ба поквиҷдониашон такя мекунанд, ҳалокшудагонанд, хоҳ яҳудиён бошанд ё ғайрияҳудиён; ҳамчунин яҳудиёнро низ чун ҳалокшудагон шинохтан зарур аст. Ва инак саволи охирин садо медиҳад: Наход ки ҳамаи одамон ҳалокшудагонанд?

Ва Павлус ҷавоб медиҳад: *«Ҳа, мо аллакай исбот кардем,* ки *ҳамаи* одамон *гирифтори* ҳукми *гуноҳ ҳастанд».* Яъне, аз ин нуқтаи назар, яҳудиён аз ғайрияҳудиён бо ҳеҷ чиз фарқ намекунанд.

**3,10** Барои исботҳои дигар ба Аҳди Қадим муроҷиат мекунем. Аввал мо мебинем, ки гуноҳ аз лаҳзаи зода шудан аз волидайн ба фарзандон мегузарад (3,10-12), сипас чӣ хел гуноҳ ба ҳамаи узвҳои одам таъсир мерасонад (3,13-18). Мо ҳамин фикрро метавонем бо ин суханҳо изҳор намоем: «Ҳеҷ *некӯкоре нест, як нафар ҳам нест»* (ниг. Заб. 13,1).

**3,11** Касе нест, ки дар бораи Худо тасаввуроти дуруст дошта бошад. Касе нест, ки *Худоро* ҷӯяд (Заб. 13,2). Агар одами гуноҳкор худаш ба худаш зиндагӣ мекард, вай ҳеҷ гоҳ Худоро намеҷуст. Агар одам Худоро ҷӯяд, ин фақат аз таъсири Рӯҳулқудс рӯй медиҳад.

**3,12** *Ҳама* аз Худо дур шудаанд. Ҳамаи инсоният ғарқи гуноҳ шуд. Касе нест, ки умри шоиста ба сар барад, *як нафар ҳам нест* (Заб. 13,3).

**3,13** *Гулӯи* инсон ба *қабри кушода* монанд аст, суханҳояшон дурӯғи доимист (Заб. 5,10). *«Заҳри афъӣ зери лабҳои онҳост»* (Заб. 139,4).

**3,14** Даҳони онҳо аз ғайбат ва ҳасрат пур аст (Заб. 9,28).

**3,15** *«Пойҳои онҳо* сӯи бадӣ медаванд, ва онҳо ба рехтани хуни *шахси бегуноҳ* мешитобанд» (Иш. 59,7).

**3,16** Пас аз худ онҳо *харобкорӣ ва шикаст* боқӣ мегузоранд (Иш. 59,7).

**3,17** «Онҳо роҳи *осоиширо* намедонанд» (Иш. 59,8).

**3,18** *«Тарси Худо* дар пеши чашми вай нест» (Заб. 35,2).

«Акси рентгенӣ»-и насли инсон, ки Худо кардааст, чунин менамояд. Вай ба мо ноодилии умумиро (3,10); надонистани Худо ва мустақилӣ аз Ӯро (3,11); канорачӯӣ аз некӯкорӣ ва комилан набудани онро (3,12) нишон медиҳад. Гулӯи одам пур аз фасод, забонаш дурӯғгӯй, лабҳояш заҳролуд аст (3,13); аз даҳонаш ғайбат фаввора мезанад (3,14); пойҳояш ба хунрезӣ равона аст (3,15); пас аз худ вай харобкорӣ ва ҳалокатро боқӣ мегузорад (3,16); вай намедонад чӣ тавр осоиширо ҷӯяд (3,17); дар вай ягон тарсе аз Худо нест (3,18). Инак мо расвоии пурраи одамро мебинем, ва аз ин бармеояд, ки гуноҳ ҳам умуман ба тамоми инсоният, ҳам ба ҳар як ҷузъи ҳастии одам таъсир расондааст. Албатта, ҳар як одами ҷудогона ҳамаи ин гуноҳҳоро содир накардааст, аммо аз рӯи табиати худ вай ба ин *қодир аст.*

Агар Павлус рӯйхати пурраи гуноҳҳои одамонро овардан мехост, метавонист ба ин ҷо *гуноҳҳои шаҳвониро* илова кунад: зино, ҳомосексуализм, алоқаи ҷинсии зан бо зан, алоқаи ҷинсии ғайритабиӣ, алоқаи ҷинсӣ бо ҳайвонҳо, фоҳишагӣ, зӯроварӣ, фосиқӣ, порнография ва расвоиҳои гуногунро. Ҳамчунин вай метавонист *гуноҳҳоеро,* ки *ҷанг аз пайи худ меорад,* илова кунад: маҳв сохтани бегуноҳон, ваҳшигарӣ, камераҳои газӣ, кӯраҳо, лагерҳои консентратсионӣ, асбобҳои шиканҷа, садизм. Вай метавонист *гуноҳҳо дар оиларо* хотиррасон кунад: хиёнат ба ҳамсар, талоқҳо, лату кӯби зан, сангдилӣ, зӯроварӣ бар фарзандон. Ба ин ҷо куштор, дуздӣ, торат, дуздии моликияти ҷамъиятӣ, вандализм, порахӯрӣ ва фасодкориро илова кунед. Боз ба ин ҷо *гуноҳ бо суханро* дохил кардан ҷоиз аст: куфр, ҳазлҳои бешармона, суханҳои шаҳватангез, лаънат, бадгӯӣ, дурӯғ, туҳмат, ғайбат, таҳқир, нолиш ва серғурбатӣ. Боз *гуноҳҳои* дигари *шахсиро* зам кунед: мастӣ, нашъамандӣ, ғурур, ҳасад, бахилӣ, ношукрӣ, афкори фосиқона, нафрат ва тундмизоҷӣ. Ин рӯйхатро, аз афташ, беинтиҳо идома додан мумкин аст: ифлоскунии табиат, нажодпарастӣ, истисмор, қаллобӣ, хиёнаткорӣ, ваъдахилофӣ ва ғайра. Боз чӣ гуна далелҳои фосид (вайрон) будани инсоният даркор аст?

**3,19** Вақте ки Худо ба Исроил шариатро дод, Ӯ ин халқро ба сифати нусхаи санҷишии тамоми инсоният истифода бурд. Ӯ дид, ки халқи Исроил вайрон шудааст, ва ин хулосаро комилан ҳаққонӣ нисбати тамоми инсонҳо паҳн кард. Муҳаққиқ-эпидемиолог худи ҳамин хел амал мекунад: аз чоҳ камтар об гирифта муайян мекунад, ки об заҳролуд аст ва тасдиқ мекунад, ки тамоми об заҳролуд аст.

Ҳамин тавр, Павлус дар ин ҷо мефаҳмонад, ки вақте *шариат* сухан мегӯяд, вай ба *аҳли шариат* – халқи Исроил гап мезанад, то ки *ҳар даҳоне,* ҳам даҳони яҳудӣ ва ҳам даҳони бутпараст, *баста шавад* ва *тамоми ҷаҳон* гуноҳи худро назди Худо дарк намояд.

**3,20** Ҳеҷ кас наметавонад худро бо риояи шариат *сафед* кунад. Шариат на барои худсафедкунии одамон дода шуда буд, балки ба хотири он ки ба онҳо барои дарк намудани гуноҳкории худашон кӯмак намояд. Ин дониш дар бораи наҷот ёфтан нест, балки воситаи *донистани гуноҳ* аст.

Агар мо чӣ будани хати ростро намедонистем, ҳеҷ гоҳ намефаҳмидем, ки хати каҷ чист. Шариат ҳамчун хати рост аст. Худро бо вай муқоиса карда, одамон то чӣ андоза каҷ будани худро мефаҳманд.

Мо метавонем оинаро истифода бурда, чиркро дар рӯямон бубинем, лекин оина на барои тоза кардани рӯйҳои чиркин аст. Ҳароратсанҷ нишон медиҳад, ки одам шамол хӯрдааст, лекин табобат кардан наметавонад, агар вайро фурӯ барем ҳам.

Шариат барои дар гуноҳ айбдор кардани одам хуб аст, аммо барои аз гуноҳ наҷот ёфтан бефоида аст. Лютер навишта буд, ки мақсади шариат на сафед кардан, балки тарсондан аст.

**Г. Асос ва истилоҳоти Хушхабар (3,21-31)**

**3,21** Акнун мо ба қалби Нома ба Румиён мегузарем, ки дар ин ҷо Павлус ба ин савол ҷавоб медиҳад: Чӣ тавр, мутобиқи Хушхабар, Худои қуддус метавонад гуноҳкорони бадкирдорро сафед кунад?

Павлус менависад, ки ҳақ будани Худо *берун аз шариат* зоҳир гардида буд. Ин маънои онро дорад, ки Худо нақшаи Худро, ва ё роҳи наҷот ёфтани гуноҳкорони беимонро на аз рӯи иҷрои шариат кушод. Азбаски Худо қуддус аст, Ӯ бо гуноҳ муросо кардан, ба он эътибор надодан ва ё аз он чашм пӯшидан наметавонад. Ӯ бояд гуноҳро ҷазо диҳад. Ва ҷазои ягона барои гуноҳ марг аст. Лекин дар баробари ин Худо гуноҳкорро дӯст медорад ва мехоҳад вайро наҷот диҳад. Мушкилие ба миён меояд. Росткории Худо марги гуноҳкорро талаб мекунад, аммо муҳаббати Ӯ хушбахтии абадии гуноҳкоронро мехоҳад. Хушхабар ба мо дар бораи он мегӯяд, ки чӣ тавр Худо, бар хилофи росткории худ амал накарда, гуноҳкоронро наҷот медиҳад.

Дар бораи ин нақшаи росткорона *Таврот ва пайғамбарон гувоҳӣ медиҳанд.* Оид ба он бо рамзҳо дар системаи қурбоникунӣ пешгӯӣ шуда буд, ки рехтани хунро барои гуноҳ талаб мекард. Боз пешгӯиҳои бевосита низ дода шуда буданд (ниг. мас. Иш. 51,5.6.8; 56,1; Дон. 9,24).

**3,22** Дар ояти пешина гуфта мешавад, ки ин наҷоти росткорона *на* аз рӯи иҷрои шариат ба даст меояд. Акнун расул ба мо мегӯяд, ки наҷот чӣ тавр ба даст меояд – *ба воситаи имон ба Исои Масеҳ.* Ва дар ин ҷо «имон» пурра ба Худованд Исои Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи ягонаи худ аз гуноҳ, умеди ягона барои ба осмон рафтан, такя кардан аст. Наҷот дар Шахсият ва амали Исо, ки дар Инҷил тасвир шудааст, асос меёбад.

Имон ҷаҳиши бепарвоёна ба зулмот нест. Он дар шаҳодат ва бехатоии раднопазири Каломи Худо асос меёбад. Имон ҳамчунин як чизи бемантиқ ва беасос нест. Чӣ метавонад бомантиқтар аз он бошад, ки офарида бояд ба Офаридгор бовар кунад?

Ҳамчунин имонро чун мукофоти амале ҳисобидан мумкин нест, ки ба шарофати он одам ба худ наҷот бозёфт мекунад. Одам наметавонад бо он фахр кунад, ки ба Худованд имон дорад; вай бехирад хоҳад буд, агар имон *надошта* бошад. Имон кӯшиши дастрас кардани наҷот набуда, қабули одии наҷот аст, ки Худо ба мо бе музд медиҳад.

Павлус фикри худро давом дода, мегӯяд, ки наҷот *барои ҳамаи имондорон* амал мекунад. Он *барои ҳама,* яъне дастраси ҳама аст, ба ҳама пешкаш карда мешавад ва барои ҳама кофист. Лекин он танҳо ба *онҳое* тааллуқ дорад, ки *имон доранд,* яъне он танҳо дар ҳаёти онҳое амал мекунад, ки Худованд Исои Масеҳро бо амали мушаххаси имон овардан қабул кардаанд. Бахшидашавӣ ба ҳама пешниҳод карда мешавад, лекин он дар ҳаёти одам танҳо он вақт арзи ҳастӣ мекунад, ки ӯ он бахшидашавиро қабул намояд.

Наҷот ба ҳама муқаррар шудааст гуфта, Павлус ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиёнро дар назар дорад – охир дар байни онҳо *фарқе* нест. Дар яҳудиён имтиёзи махсусе нест, ва барои ғайрияҳудиён ягон хел монеа вуҷуд надорад.

**3,23** Хушхабар ба ҳама ба як андоза дастрас ва ба ҳама зарур аст. Ва ин дар ҳақиқат эҳтиёҷи умумӣ аст, зеро *ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли илоҳӣ маҳрум шудаанд.* Ҳама дар Одам гуноҳ кардаанд; вақте ки вай *гуноҳ кард,* вай ҳамчун намояндаи ҳамаи авлоди худ гуноҳ кард. Лекин одамон на танҳо аз вақти зодашавӣ гуноҳкоранд, онҳо ҳамчунин аз рӯи амалҳои шахсии худашон низ гуноҳкоранд. Ва онҳо худ дар худ *аз ҷалоли Худо маҳруманд.*

---

## ГУФТУГӮ ОИД БА ГУНОҲ

Гуноҳ ҳар гуна фикр, калима ё корест, ки ба меъёрҳои покӣ ва камолоти Худо мутобиқ нест. Ин хато, нарасонидан ба нишон аст. Ҳиндуе ки тири камонаш ба нишон нарасид, мегӯяд: «Ман гуноҳ кардам», зеро дар забони вай[6] гуноҳ ва хато ҳамон як калима аст.

Гуноҳ қонуншиканӣ (1Юҳ. 3,4), исёни махлуқ бар зидди ҳукми Худост. Гуноҳ на танҳо кардани кори номумкин аст, балки низ накардани корест, ки бояд карда мешуд (Яъқ. 4,17). Ҳама он чи на аз рӯи имон карда мешавад, гуноҳ аст (Рум. 14,23). Ин чунин маъно дорад, ки кардани он чи ба ҳаққонияташ

шубҳа дорӣ, гуноҳ аст. Агар виҷдони одам нисбати ягон рафтор нооромм бошад, аммо ба ин нигоҳ накарда онро содир кунад, вай гуноҳ мекунад.

*«Ҳар ноинсофӣ гуноҳ аст»* (1Юҳ. 5,17). *«Нияти беақлӣ гуноҳ кардан аст»* (Мас. 24,9). Гуноҳ дар афкор пайдо мешавад. Ва агар он дастгирӣ ва рушд ёбад, он гоҳ дар рафтори мушаххас зоҳир мегардад, ва оқибати ин рафтор марг аст. Ҳангоме ки гуноҳро содир кардан мехоҳӣ, он ҷолиб аст, аммо замоне ки аллакай содир кардӣ, даҳшатовар аст.

Баъзан Павлус гуноҳ ва гуноҳҳоро ҳар хел муайян мекунад. Гуноҳҳо гуфта вай он рафтори нодурустро меномад, ки мо содир кардаем. Аммо мафҳуми «гуноҳ» ба табиати бади мо мансуб аст, яъне, ба он ки худи мо чӣ гуна ҳастем. Ва чӣ гуна будани мо аз он чи мо содир мекунем, хеле бадтар аст. Вале Исо на танҳо барои рафтори мо мурд, балки барои табиати бади мо низ. Худо метавонист гуноҳҳои моро бубахшад, лекин Инҷил мегӯяд, ки Ӯ наметавонад гуноҳолудагии моро, яъне гуноҳи моро, бубахшад. Ӯ гуноҳро дар ботини мо *айбдор* ва *маҳкум* мекунад (Рум. 8,3).

Ҳамчунин фарқ байни гуноҳ ва ҷиноят вуҷуд дорад. Ҷиноят вайрон кардани қонуни ба ту маълум аст. Дуздӣ худ аз худ гуноҳ аст. Лекин вақте ки дуздиро қонун манъ мекунад, он ҷиноят мешавад. «... дар он ҷое ки шариат нест, вайронкунии он ҳам нест» (Рум. 4,15).

Ҳамин тариқ, Павлус нишон дод, ки ҳамаи одамон гуноҳ содир кардаанд ва аз ҷалоли Худо маҳруманд. Акнун вай ҳалли масъаларо пешниҳод мекунад.

---

**3,24** *Ва муфт, бо файзи Ӯ ... сафед карда мешаванд.* Хушхабар ба мо дар бораи он ривоят мекунад, ки афви гуноҳкорон аз тарафи Худо ҳадия аст, марҳаматест, ки мо сазовори он нестем. Дар бораи сафед карда шудан сухан ронда, мо чиро дар назар дорем?

Феъли «сафед кардан» маънои «росткор ҳисобидан ва ё эълон кардан»-ро дорад. Мисол, ҳангоме ки гуноҳкор аз рӯи имон Худованд Исои Масеҳро қабул мекунад, Худо вайро росткор эълон мекунад. Дар Аҳди Нав аксар вақт ба ин калима айнан ҳамин маъно дода мешавад.

Аз як тараф одам метавонад Худоро ба воситаи имон ва итоат ба Сухани Ӯ ҳақ барорад (сафед кунад). Дигар хел карда гӯем, бо ин вай росткорона будани ҳамаи он чизро, ки Худо мегӯяд ва мекунад, эълон мекунад.

Ва албатта, одам метавонад худашро сафед кунад, яъне росткории худро ҳимоя намояд (ниг. Луқ. 10,29). Лекин худсафедкунӣ як шакли худфиребдиҳӣ аст.

Сафед кардан маънои ҳақиқатан ҳақ баровардан ро надорад. Чунон ки, мисол, мо Худоро росткор *карда* наметавонем, охир Ӯ бе ин ҳам росткор *аст*. Лекин мо метавонем росткории Худоро *эълон намоем*. Ҳамчунин Худо низ имондорро росткор ва бегуноҳ *намекунад,* балки ӯро ҳамин хел *мешуморад*. Чунон ки А. Т. Пиерсон менависад, *«Худо гуноҳкоронро сафед намуда, онҳоро росткор меномад, вақте ки дар асл онҳо росткор нестанд; гуноҳро дар ҷое ки гуноҳ дар ҳақиқат вуҷуд дорад, ба ҳисоб намегирад, ва росткориро дар он ҷое ки аслан вуҷуд надорад, ба ҳисоб мегирад»*.[7]

Формулаи маълуми сафедкунӣ – ҳолате ки гӯё ман ҳеҷ гоҳ гуноҳ накардаам – кифоя нест. Вақте ки Худо гуноҳкори имондорро сафед мекунад, Ӯ на танҳо айбро аз вай дур мекунад, балки боз росткориро ба вай мепӯшонад, то ин ки вай барои осмон лоиқ бошад. «Сафедшавӣ аз озодшавӣ то таҳсин, аз бахшиш то барқароршавӣ мебарад».[8] Раҳоӣ аз айб фақат озод мекунад, сафедкунӣ росткориро ба одам мансуб мешуморад.

Сабабе ки аз рӯи он Худо гуноҳкорони бехудоро росткор эътироф мекунад, дар он аст, ки Худованд Исои Масеҳ бо марги Худ ва растохези Худ барои гуноҳҳои онҳо музди пурраро пардохт. Ва замоне ки гуноҳкор Исоро аз рӯи имон қабул мекунад, вай сафед карда мешавад.

Вақте ки Яъқуб дар бораи сафедшавӣ бо корҳо менависад (Яъқ. 2,24), вай на онро дар назар дорад, ки мо аз рӯи амалҳо ё имону амалҳо наҷот меёбем, балки бо имоне ки дар амалҳои хуб зоҳир мешавад.

Фаҳмидан зарур аст, ки сафедшавӣ дар фикрҳои Худо иҷро мешавад. Ин на ҳиссиётест; имондор медонад, ки сафед шудааст, барои он ки дар Инҷил ҳамин тавр навишта шудааст. Скоуфилд ин фикрро чунин ифода кардааст: *«Сафед карда шудан амали Худост, ки ба воситаи он Ӯ ҳамаи ононеро, ки ба Исо имон доранд, росткор эътироф мекунад. Ва он*

*дар шуури Худо ба амал меояд, на дар системаи асаб ё эҳсосоти имондорон».*

Дар ин ҷо, дар ояти 24, расул менависад, ки мо сафедшавиро *муфт* соҳиб мешавем. Мо онро намехарем ва бо амалҳо ба даст намеоварем, балки муфт чун ҳадя мегирем.

Баъдтар мехонем, ки мо аз рӯи *файзи* Худо сафед карда шудаем. Ин чунин маъно дорад, ки сафед карда шудан бе ягон хел баҳисобгирии хислатҳои хуби мо рӯй медиҳад. Яъне мо онро сазовор нашудаем, наҷустаем ва нахаридаем.

Барои он ки дар оянда аз чигилӣ дур шавем, мо ҳозир таваққуф намуда, шаш ақидаро оид ба сафед карда шудан дида мебароем, ки дар Аҳди Нав баён шудаанд. Гуфта шудааст, ки мо бо файз, имон, хун, қувват, Худо ва амалҳо сафед карда мешавем; ва дар ин ҷо ягон ихтилоф нест.

Мо аз рӯи файз сафед карда шудаем яъне мо инро сазовор нашудаем.

Мо аз рӯи имон (Рум. 5,1) сафед карда шудаем, яъне, мо бояд сафедшавиро аз рӯи имон ба Худованд Исои Масеҳ қабул кунем.

Мо бо хун сафед карда шудаем (Рум. 5,9) ин дар бораи он нархест, ки Наҷотдиҳанда барои сафед кардани мо додааст.

Мо бо қувват сафед карда шудаем (Рум. 4,24.25) бо ҳамон қуввате ки Худованд Исоро аз мурдаҳо зинда кард.

Моро Худо сафед кардааст (Рум. 8,33) Ӯ Касест, ки моро росткор эътироф кард.

Мо аз рӯи амалҳоямон сафед карда шудаем (Яъқ. 2,24) на ба он маъное ки сафедшавӣ бо амалҳо дастрас мешавад; амалҳо дар бораи сафедшавии мо шаҳодат медиҳанд.

Ба ояти 24 бармегардем, ва дар он ҷо мехонем, ки *ба воситаи раҳоие ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда* шудаем. Раҳо намудан (бозхарид намудан) ба воситаи додани нархи муносиб халос кардан аст. Худованд Исо моро дар бозори ғуломии гуноҳ харид. Хуни гаронбаҳои Ӯ ҳамон нархе буд, ки онро Ӯ барои қонеъ гардондани талаботи Худои қуддус ва одил додааст. Агар касе пурсад: «Ба кӣ музд дода шуд?» яъне вай на он қадар ҳама чизро фаҳмид. Дар ягон ҷои Нома гуфта нашудааст, ки ин музд ба ягон каси муайян дода шудааст ба Худо ё ба иблис. Ин фидия асоси шартномае буд, ки барои одилона ҳисобидани наҷоти хатокорон имкон медиҳад.

**3,25** *Худо* Исои Масеҳро барои қурбонии *кафорат* пешниҳод кард. Қурбонии *кафораткунанда* барои он дода мешавад, ки росткорӣ қонеъ гардонда шавад, ғазаби Худо бартараф карда шавад ва дар асоси қурбонии қабулшуда марҳамат зоҳир карда шавад.

Дар Аҳди Нав Исо се маротиба *кафорат* номида шудааст. Дар ин ҷо, дар ояти 25, мо мехонем, ки онҳое ки бо имон ба Исо бозгашт мекунанд, ба шарофати хуни рехтаи Ӯ афвро доро мешаванд. Дар 1Юҳанно 2,2 Исо кафорат барои гуноҳҳои мо ва гуноҳҳои тамоми ҷаҳон номида шудааст. Қурбонии Ӯ барои тамоми ҷаҳон кифоя аст, аммо фақат дар дилҳои онҳое ки ба Ӯ бовар мекунанд, амалӣ мегардад. Ва оқибат, дар 1Юҳанно 4,10 муҳаббати Худо дар он аён гашт, ки Ӯ Писари Худро ба кафорат барои гуноҳҳои мо фиристод.

Дуои боҷгир дар Луқо 18,13 ин тавр садо дода метавонад: «Худоё, мани гуноҳкорро кафорат намо!» Вай аз Худо металабад, ки нисбати вай шафқат зоҳир намояд, ва барои гуноҳҳои вазнини вай ҷазо талаб накунад

Ҳамчунин калимаи *«кафорат»*-ро дар Ибриён 2,17 вомехӯрем: «Бинобар ин Ӯ бояд аз ҳар ҷиҳат ба бародарони Худ монанд мешуд, то Саркоҳини марҳаматкунанда ва бовафое дар корҳои Худо бошад, то гуноҳҳои қавмро кафорат кунад». Дар ин ҷо зери ибораи «гуноҳҳои халқро кафорат кунад» бекор кардани гуноҳҳо пас аз додани музди муқарраршуда дар назар дошта шудааст.

Дар Аҳди Қадим номи сарпӯши сандуқи Худо аз рӯи маъно ба калимаҳои «тахти файз» мувофиқат мекард. Дар Рӯзи кафорат саркоҳин ба сарпӯши сандуқ аз хуни қурбонӣ мепошид. Ва пас аз ин гуноҳҳои саррӯҳонӣ ва ҳамаи халқ кафоратшуда ва ё пӯшида ҳисоб мешуданд.

Вақте ки Исо кафорати гуноҳҳои мо шуд, Ӯ чизи бузургтаре кард. Ӯ на фақат онҳоро пӯшид, балки пурра дур низ кард.

Баъд дар ояти 25 Павлус менависад, ки *Худо* Масеҳро *пешниҳод кард, то ки дар Хуни Ӯ ба воситаи имон кафорате бошад.* Имони мо набояд дар Хуни Ӯ асос ёбад; мо ба Худи Масеҳ имон дорем. Моро танҳо Исои Масеҳи зиндашуда ва зинда метавонад наҷот диҳад. Ва худи Ӯ кафорат аст. *Имон* ба Ӯ шартест, ки ба шарофати он кафорат ба мо низ паҳн мешавад. *Хуни Ӯ* ҳамон муздест, ки Ӯ барои мо додааст.

Қурбонии Масеҳ росткории Худоро дар бахшидани *гуноҳҳои пештара* нишон медиҳад. Ин ба гуноҳҳое ки то мурдани Масеҳ содир шудаанд, таааллуқ дорад. Аз Одам то Масеҳ Худо имондоронро дар асоси он ваҳйҳое ки Ӯ ба онҳо медод, наҷот медод. Мисол, Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин ба ӯ росткорӣ ҳисобида шуд (Ҳас. 15,6). Лекин Худо инро дар асоси чӣ ба таври одилона кардан метавонист? Охир ягон ивазкунандаи бегуноҳе ба ҷояш набуд, ва хуни қурбонии комил рехта нашуда буд. Бо ибораи дигар, он вақт Масеҳ ҳанӯз намурда буд ва қарз пардохта нашуда буд. Пас Худо мувофиқи кадом асоси қонунӣ метавонист гуноҳкорони имондорро дар давраи Аҳди Қадим наҷот диҳад?

Ҷавоб чунин аст: Агарчи он вақт Масеҳ ҳоло намурда буд, Худо медонист, ки ин рӯй медиҳад, ва одамонро дар асоси қурбонии оянддаи Масеҳ наҷот медод. Бо вуҷуди он ки муқаддасони Аҳди Қадим оид ба Ҷолҷолто чизе намедонистанд, Худо медонист ва қурбонии Масеҳро ба онҳо низ паҳн мекард, вақте ки онҳо ба Ӯ бо имон бозгашт мекарданд. Ба маънои томаш имондорони Аҳди Қадим наҷотро қарз мегирифтанд, дар асоси он музде ки дар оянда дода мешавад. Онҳо ба Ҷолҷолтои меомада назар афканда мезистанд, мо ба гузашта.

Маҳз ҳаминро Павлус дар назар дорад, вақте мегӯяд, ки кафорати Масеҳ росткории Худоро дар *нодида гирифтани гуноҳҳои пештара* нишон дод. Дар ин ҷо сухан дар бораи он гуноҳҳое намеравад, ки одам то бозгашт карданаш содир кардааст, чунон ки аксари одамон меҳисобанд. Ин ақида ба он мебарад, ки марги Масеҳ танҳо ба он гуноҳҳое алоқа дорад, ки то аз олами боло зода шудан содир шудаанд, аммо барои гуноҳҳои пас аз бозгашт кардан худи одам ҷавоб медиҳад. Не, Павлус оид ба мусоҳилакории ба назар метофтаи Худо нисбати гуноҳҳои онҳое менависад, ки пеш аз салиб наҷот дода мешуданд. Метавонад чунин тасаввуроте ба вуҷуд ояд, ки Ӯ ҳамин тавр ин гуноҳҳоро мебахшид ё вонамуд мекард, ки онҳоро намебинад. Павлус ин ақидаро рад мекунад. Худованд медонист, ки Масеҳ кафорати пурра ба амал меорад, ва дар асоси ин одамонро наҷот медод.

Ҳамин тариқ, давраи Аҳди Қадим замони *пурсабрии* Худо буд. Дар давраи на камтар аз чор ҳазор сол Худо ҷазои Худро бар гуноҳ бозмедошт. Пас, замоне ки вақташ омад, Ӯ Писари Худро фиристод, то Касе бишавад, ки гуноҳҳоро ба дӯши Худ бигирад. Вақте ки Худованд Исо гуноҳҳои моро ба дӯши Худ гирифт, Худо тамоми оташи ғазаби ҳақ ва муқаддаси Худро ба Писари дӯстдоштааш равона кард.

**3,26** Ҳамин тавр, марги Масеҳ *адолати* Худоро нишон медиҳад. Худо одил аст, барои он ки музди пурраи гуноҳҳоро талаб кард. Ва акнун Ӯ чашмонашро ба гуноҳҳои гуноҳкорон напӯшида ва бар хилофи росткории Худ амал накарда, онҳоро сафед карда метавонад, чунки барои онҳо қурбонии кафораткунандаи комил кушта шуд, ки баъдтар зинда шуд. Алберт Мидлайн ин ҳақиқатро дар шеъри зерин баён кардааст:

*Росткории комили Худо*
*дар хуни Наҷотдиҳанда аён карда шуд;*
*Ва дар назди салиби Масеҳ*
*мо росткорӣ ва марҳамати аҷиби Ӯро меёбем.*
*Худо наметавонад гуноҳкорро беҷазо гузорад – гуноҳ талаб мекунад, ки ӯ бо марг ҷазо дода шавад.*
*Аммо дар салиби Масеҳ мо мебинем, ки чӣ гуна Худо метавонад одил буда, моро наҷот диҳад.*
*Гуноҳ, бар дӯши Наҷотдиҳанда гузошта шуд, ва бо хуни Ӯ қарз пӯшонда шуд;*
*Адолати қотеъ қонеъ гардонда шуд,*
*ва марҳамат метавонад тантана кунад.*
*Гунаҳкори имондор озодӣ мегирад,*
*вай метавонад гӯяд:*
*«Наҷотдиҳанда ба ҷои ман мурд».*
*Вай ба Хуни кафораткунанда ишора карда, гуфта метавонад:*
*«Ин маро бо Худо оштӣ дод».*

**3,27** *Пас, куҷост он чи* мо дар ин нақшаи наҷот бо он *болида* тавонем? Он *аз байн рафтааст,* пӯшонида шудааст, манъ шудааст. Чӣ гуна ин болидан *аз байн рафтааст?* Аз рӯи қоидаи *аъмол? Не.* Агар наҷотро бо амалҳо сазовор шудан мумкин мебуд, он ба ҳар гуна худтаъриккуниҳо сабаб мешуд. Лекин, вақте ки наҷотёбӣ дар *имон* асос ёбад, барои худситоӣ сабабе намемонад. Одами сафедшуда метавонад танҳо гӯяд: «Ман фақат гуноҳ мекардам, ва фақат Исо тамоми наҷотро ба амал овард». Имони ҳақиқӣ ҳар гуна имкони

худбеҳгардонӣ, худтакмилдиҳӣ ва худнаҷотдиҳиро рад мекунад, ва фақат ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳанда менигарад. Имон мегӯяд:

*Чизе надорам, то музд бидиҳам,*
*Фақат ба салиби ту мечаспам;*
*Урён меоям ба назди Ту баҳри либос;*
*Оҷизона менигарам ба Ту ба умеди хайр;*
*Олудаам, омадаам, то пок шавам.*
*Бишуӣ маро, Наҷотдиҳанда,*
*Вагарна ман мемирам.*

Огаст М. Топледӣ

**3,28** Азбаски акнун ягон имконияти худситоӣ намонд, Павлус такрор мекунад, ки *одамизод, бе корҳои шариат, ба воситаи имон сафед мешавад.*

**3,29** Хушхабар Худоро чӣ тавр тасвир мекунад? Магар Ӯ танҳо *Худои яҳудиён* аст? Не, Ӯ ҳамчунин Худои *халқҳо* низ ҳаст. Худованд Исо на барои ягон халқи алоҳида мурд, балки барои гуноҳкорони тамоми дунё. Ва атои наҷотро ба ҳама пешкаш мекунад, ба касе ки мехоҳад, ҳам ба яҳудиён ва ҳам ба ғайрияҳудиён.

**3,30** Ду Худо нест, ки якеаш барои яҳудиён бошад, ва дигараш барои ғайрияҳудиён. Фақат як Худо ҳаст ва як роҳи наҷот барои тамоми инсоният. Ин Худо *аҳли хатнаро аз рӯи имон ва бехатнаҳоро ба воситаи имон* сафед мекунад. Сабабҳои истифодаи ду пешоянди гуногун (аз *рӯи* ва *ба воситаи*[9]) ҳар гуна бошанд ҳам, ин асоси сафедшавиро тағйир намедиҳад, дар ҳар ду ҳолат ҳам имон даркор аст.

**3,31** Лекин боз як саволи муҳиме боқӣ мемонад. Агар мо таъкид кунем, ки наҷот на аз рӯи шариат, балки аз рӯи имон дода мешавад, магар ин маънои онро дорад, ки шариат умуман лозим нест ва бояд нест карда шавад? Магар Хушхабар шариатро чун як чизи нодаркор ба як сӯ мепартояд? *Ҳеҷ гоҳ,* баръакс, он шариатро *устувор* мекунад ва бинед чӣ хел:

Шариат итоати пурраро талаб мекунад. Вайрон кардани шариат бояд ҷазо дода шавад. Ин ҷазо марг аст. Агар вайронкунандаи шариат ин муздро диҳад, он гоҳ ҷовидона мемирад. Хушхабар дар бораи он ривоят мекунад, ки чӣ гуна Масеҳ музди вайрон кардани шариатро дод. Ӯ ба ин чун ба чизи беаҳамият муносибат накард. Ӯ музди пурраи онро дод. Ва акнун ҳар касе ки шариатро вайрон мекунад, метавонад аз он далел истифода барад, ки Масеҳ ба ҷои вай музд додааст. Ҳамин тариқ, Хушхабар дар бораи наҷот аз рӯи имон шариатро ҳифз мекунад, ва таъкид менамояд, ки талабҳои олии он бояд қонеъ гардонда шаванд ва қонеъ гардонда шуда буданд.

## Ғ. Мувофиқати Хушхабар бо Аҳди Қадим (Б. 4)

Ҳамин тариқ, Павлус ба саволи панҷуми асосӣ мегузарад: Магар Хушхабар ба Аҳди Қадим мухолифат дорад? Ҷавоби ин савол барои яҳудиён аҳамияти махсус дорад. Барои ҳамин ҳам расул нишон медиҳад, ки байни Аҳди Нав ва Аҳди Қадим мувофиқати пурра вуҷуд дорад. Ҳама вақт сафедшавӣ аз рӯи имон ба амал меомад.

**4,1** Павлус, ҳамчун мисол, ду шахсияти муҳими таърихи Аҳди Қадим: Иброҳим ва Довудро истифода бурда, ақидаи хешро исбот мекунад. Худо бо ҳар яки онҳо паймони муҳиме бастааст. Яке чандин аср пеш аз дода шудани шариат мезист, дигаре пас аз солҳои зиёд. Яке то хатна сафед карда шуда буд, дигаре пас аз он ки хатна карда шуд.

Биёед аввал *Иброҳимро* аз назар мегузаронем, ки вайро ҳамаи яҳудиён падари худ меноманд. Таҷрибаи ҳаёти вай аз рӯи *ҷисм* чӣ гуна буд[10]? Оид ба роҳи сафедшавии шахсӣ вай чӣ дарёфт?

**4,2** *Агар Иброҳим бо корҳо сафед шуда бошад,* пас вай ҳуқуқ дорад фахр кунад. Вай метавонист ба китфи худ қаноатмандона занад, зеро *пеши Худо* дорои росткорӣ шуд. Лекин ин тамоман имконнопазир аст. Ҳеҷ кас дар назди Худо фахр карда наметавонад (Эфс. 2,9). Ва Навишта низ дар ҳеҷ ҷо чизе дар бораи он наменависад, ки Иброҳим ягон асосе дошт, то фахр кунад, ки аз рӯи амалҳояш сафед карда шудааст.

Касе метавонад эрод гирад: «Магар дар Яъқуб 2,21 навишта нашудааст, ки Иброҳим аз рӯи амалҳояш сафед шудааст?» Ҳа, навишта шудааст, лекин тамоман ба маънои дигар. Иброҳим аз рӯи имон сафед карда шуд (Ҳас. 15,6), вақте ки ба ваъдаи Худо дар бораи насли бешумор бовар кард. Ва танҳо пас аз гузаштани сӣ сол сафедшавии худро бо амалҳо исбот кард, вақте қарор дод, ки Исҳоқро ба Худо ба қурбонии сӯхтанӣ оварад (Ҳас. 22). Ин амали итоаткорӣ имони вайро нишон дод.

Ин зуҳуроти берунии он буд, ки вай ҳақиқатан аз рӯи имон сафед шудааст.

**4,3** *Китоб* дар бораи сафед карда шудани Иброҳим *чӣ мегӯяд?* Вай мегӯяд, ки «Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои Ӯ адолат ҳисоб карда шуд» (Ҳас. 15,6). Худо Худро ба Иброҳим аён кард ва ваъда дод, ки вай дорои насли бешуморе мешавад. Нахустпадар ба Худо бовар кард, ва Худо инро барои вай росткорӣ ҳисобид. Бо ибораи дигар, Иброҳим аз рӯи имон сафед карда шуд. Маҳз аз рӯи имон ва на ягон чизи дигар. Оид ба амалҳо ин ҷо ҳатто сухан ҳам намеравад.

**4,4** Ҳамаи ин моро ба яке аз ақидаҳои бузурги Китоби Муқаддас меорад, ки дар он амалҳо ва имон дар алоқамандӣ ба наҷот муқобили ҳам гузошта мешаванд.

Инро аз ҳамин нуқтаи назар дида мебароем: Вақте ки одам кор мекунад ва дар охири ҳафта музд мегирад, ин *музди* вай аст. Вай онро бо кор ба даст овардааст. Вай назди сардорон таъзим намекунад ва хушомад намезанад, ва барои ин гуна хубӣ шукр намегӯяд ва изҳор наменамояд, ки гӯё вай сазовори ин пулҳо нест. Баръакс, вай ин пулҳоро ба киса мегузорад ва ба хона меравад, бо эҳсоси он ки ин пулҳо подоши вақт ва қувваи сарфкардааш аст.

Аммо сафед карда шудан тамоман дигар хел ба амал меояд.

**4,5** Аҷибаш ин аст, ки сафедшуда дар навбати аввал, касест, *ки амал намекунад.* Вай аз ҳама гуна имконияти бо амал ба даст овардани наҷот даст мекашад. Вай пурра инкор мекунад, ки дар вай ягон чизи хуб ё сазовори эҳтиром вуҷуд дорад. Вай эътироф мекунад, ки ҳатто амалҳои беҳтарини вай ба талаботи росткории Худо ҷавоб дода наметавонанд.

Баръакс, вай ба *Он ки худонотарсонро сафед мекунад,* бовар мекунад. Вай имон ва умеди худро ба Худо ҳавола мекунад. Вай ба суханҳои Худо бовар мекунад. Ва, чунон ки мо аллакай дидем, ин ба шарофати хизмати одам нест. Сазовории вай дар имони вай не, балки дар Объекти имони вай аст.

Аҳамият диҳед: вай ба *Он ки худонотарсонро сафед мекунад,* бовар мекунад. Вай ба он далел такя карданӣ намешавад, ки мекӯшид дуруст зиндагӣ кунад, ва ба «қонуни тиллоӣ» пайравӣ мекард ва ба одамон муносибати бад намекард. Не, вай ҳамчун *худонотарс,* гуноҳкори айбдор меояд ва ба марҳамати Худо бовар мекунад.

Ва натиҷа чӣ гуна аст? Барои вай *имонаш росткорӣ ҳисобида мешавад.* Азбаски вай на бо амалҳо, балки бо имон меояд, Худо инро барояш росткорӣ меҳисобад. Ба шарофати хизмати Наҷотдиҳандаи зиндашуда Худо росткориро ба вай мепӯшонад ва ҳамин тавр барои Подшоҳии осмонӣ лоиқ мешуморад. Аз ҳамин лаҳза Худо вайро дар Масеҳ мебинад ва дар ҳамин асос қабул мекунад.

Ҳамин тариқ, сафед карда шудан на ба росткорҳо, балки ба худонотарсон равона карда шудааст. Ин на натиҷаи муздиҳӣ, балки натиҷаи марҳамат аст. Ва он на аз рӯи амалҳо, балки аз рӯи имон дода мешавад.

**4,6** Дар оянда барои боз ҳам асоснок кардани фикрҳои худ Павлус ба намунаи *Довуд* муроҷиат мекунад. Калимаҳои *«чунон ки»* дар аввали оят ба он ишора мекунанд, ки таҷрибаи вай бо таҷрибаи Иброҳим як хел аст. Сарояндаи хуби Исроил гуфтааст, ки одами ҳақиқатан хушбахт гуноҳкорест, ки Худо ӯро новобаста ба корҳояш росткор шинохтааст. Ҳарчанд худи Довуд дар бораи ин бисёр нагуфтааст, Павлус ин фикрро аз Забур 31,1.2 мебарорад, ва онро дар ду ояти оянда чун иқтибос меорад.

**4,7** *Хушо ононе ки хатоҳошон бахшида шудаанд ва гуноҳҳошон пӯшонида шудаанд;*

**4,8** *Хушо касе ки Худованд гуноҳи вайро ба ҳисоб намеоварад.*

Павлус дар ин оятҳо чиро дид? Якум, вай зикр кард, ки Довуд дар бораи амалҳо чизе намегӯяд: афв фақат ба марҳамати Худо вобастааст, на ба кӯшиши одам. Дуюм, вай дид, ки агар *Худованд гуноҳи вайро ба ҳисоб наоварад,* шахс дар назди Ӯ росткор мешавад. Ва, сеюм, Павлус нишон медиҳад, ки Худо осиёнро сафед мекунад; Довуд дар зинокорӣ ва куштор гуноҳкор буд, аммо дар ин оятҳо вай хурсандии афви пурра ва ройгонро эҳсос мекунад.

**4,9** Лекин дар мафкураи яҳудиён то ҳол метавонад фикре дар бораи он маҳфуз бошад, ки халқи интихобшуда дар сафедшавии илоҳӣ ҷои махсус дорад, ва танҳо хатнашудагон метавонанд наҷот ёбанд. Ва расул боз ба мисоли *Иброҳим* муроҷиат мекунад, то нодуруст будани ин фикрро нишон диҳад. Вай боз савол медиҳад: «Росткорӣ фақат ба яҳудиёни имондор раво дида мешавад ва ё ҳамчунин ба

ғайрияҳудиёни имондор?» Иброҳимро мисол овардани Павлус хонандагонро ба фикре равона карда метавонист, ки ҳамаи ин танҳо ба яҳудиён тааллуқ дорад.

**4,10** Дар ин ҷо Павлус як факти шавқовари таърихиро, ки аксарият метавонанд ба он аҳамият ҳам надиҳанд, ёдрас мекунад. Вай зикр мекунад, ки Иброҳим *пеш аз хатна* шуданаш (Ҳас. 17,24) сафед карда шуд (Ҳас. 15,6). Агар нахустпадари халқи Исроил тавонист *пеш аз хатна* сафед карда шавад, он гоҳ саволе ба миён меояд: «Чаро дигар одамони бехатна наметавонанд сафед карда шаванд?» Иброҳим ба маънои аслиаш вақте сафед карда шуд, ки ҳанӯз ғайрияҳудӣ буд, ва ин ба сафед карда шудани ғайрияҳудиёни дигар низ роҳ мекушояд, ҳатто новобаста ба масъалаи хатна.

**4,11** Ҳамин тавр, *хатна* сабаби сафед карда шудани Иброҳим набуд. Ин фақат як *аломати* аёне буд дар ҷисми вай, ки оид ба аз рӯи имон сафед карда шудани вай шаҳодат медод. Аслан, хатна аломати зоҳирии паймони байни Худо ва халқи Исроил буд; аммо дар ин ҷо аҳамияти он густариш дода шудааст, то ба росткорие ки Худо барои Иброҳим ҳисобид, ишора шавад.

Ба ғайр аз он ки хатна нишона буд, вай ҳамчунин муҳр низ буд *муҳри росткорӣ мувофиқи имоне* ки Иброҳим дар *бехатнагӣ дошт.* Нишона ба мавҷудияти он чизе ки вай ифода менамояд, ишора мекунад. *Муҳр* бошад ҳақиқӣ будани он чиро, ки бар он гузошта шудааст, шаҳодат медиҳад, тасдиқ мекунад, кафолат медиҳад ва боварӣ ҳосил мекунонад. Хатна Иброҳимро дилпур мекард, ки Худо вайро аз рӯи имон сафедшуда меҳисобид ва ҳамин хел ба вай муносибат мекард.

*Хатна муҳри росткории имони* Иброҳим буд. Ин метавонад онро ҳам ифода кунад, ки имони вай ҳақиқӣ буд, ва боз онро, ки вай росткориро аз рӯи имон соҳиб шуд. Охиринаш нисбатан дуруст менамояд: *хатна муҳри росткорӣ* буд, ки имони вайро тавсиф мекард ё дар асоси имон гирифта шуда буд.

Азбаски Иброҳим пеш аз хатна шудан сафед карда шуд, вай метавонад *падари ҳамаи имондорони бехатна,* яъне имондорони ғайрияҳудӣ бошад. Онҳо метавонанд сафедшавиро монанди вай аз рӯи имон соҳиб шаванд.

Ҳангоме гуфта мешавад, ки Иброҳим падари ҳамаи ғайрияҳудиёни имондор аст, бо ин, албатта, аслу насаби ҷисмонӣ дар назар дошта нашудааст. Маънои асосӣ дар он аст, ки имондоронро фарзандони вай ҳисоб кардан мумкин аст, зеро онҳо ба имони вай тақлид мекунанд. Онҳо на аз рӯи зода шуданашон фарзандони вай ҳастанд, балки барои он ки аз пайи вай чун аз пайи намуна мераванд. Ҳамчунин, ин порча дар бораи он ки ғайрияҳудиёни имондор Исроили Худо мешаванд, чизе намегӯяд. Исроили Худо аз яҳудиёне иборат аст, ки Исои Масеҳро чун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул кардаанд.

**4,12** Иброҳим нишонаи *хатнаро* ҳамчунин барои он гирифт, то *падари* он яҳудиёне шавад, ки на танҳо хатнаро қабул кардаанд, балки дар роҳи *имон* – ҳамон *имоне ки вай дар ҳолати бехатнагӣ дошт,* ӯро пайравӣ мекунанд.

Байни насли Иброҳим ва фарзандони Иброҳим фарқе ҳаст. Исо ба фарисиён мегуфт: «Медонам, ки шумо насли Иброҳим ҳастед» (Юҳ. 8,37). Лекин пас аз он Ӯ ба онҳо гуфт: «Агар фарзандони Иброҳим мебудед, корҳои Иброҳимро ба ҷо меовардед» (Юҳ. 8,39). Яъне дар ин порча Павлус таъкид мекунад, ки танҳо хатнаи ҷисмонӣ ба инобат гирифта намешавад. *Имон* ба Худои зинда даркор аст. Ва он *хатнашудагоне* ки ба Худованд Исои Масеҳ имон доранд, Исроили ҳақиқии Худо ҳастанд.

Бо ибораи дигар, дар ҳаёти Иброҳим даврае буд, ки вай *имон* дошт, лекин *бехатна* буд, ва низ даврае буд, ки вай имон дошт ва хатнашуда буд. Назари уқобмонанди Павлус дар ин факт онро мебинад, ки ҳам имондорони ғайрияҳудӣ ва ҳам имондорони яҳудӣ метавонанд Иброҳимро падари худ хонанд ва худро фарзандони вай пиндоранд.

**4,13** «Ба андозаи он ки Павлус мусоҳибро дар ҳамаи пайраҳаҳои мантиқ ва порчаҳои Навишта таъқиб мекунад, далелҳо беист зиёд мешаванд».[11] Ҳозир Павлус бо ақидае рӯ ба рӯ шуд, ки баракат ба воситаи шариат дода мешавад ва ғайрияҳудиёни шариатро намедонистагӣ зери лаънат мебошанд (ниг. Юҳ. 7,49).

Вақте Худо ба Иброҳим ва насли вай ваъда дод, ки вай *вориси ҷаҳон* мешавад, Ӯ инро ба ягон шарт ё шариат вобаста накард. (Худи шариат баъд аз гузашти 430 сол дода шуд Ғал. 3,17). Ин *ваъдаи* файзи бешарт буд, ки ба василаи *имон* қабул карда мешавад – ҳамон имоне

ки аз рӯи он мо *росткории имонро* имрӯз ҳам соҳиб мешавем.

Ибораи *«вориси ҷаҳон»* ифода мекунад, ки вай падари ҳамаи имондорони ғайрияҳудӣ низ мешавад, чунон ки падари яҳудиён аст (4,11.12), ва падари халқҳои зиёд (4,17. 18), на ин ки танҳо аз яҳудиён. Ба маънои пуррааш ин ваъда вақте иҷро хоҳад шуд, ки Худованд Исои Масеҳ, Насли Иброҳим, ҷӯбдасти ҳокимияти оламро мегирад ва чун Шоҳаншоҳ ва Худованди ҳукмронон ҳокимӣ мекунад.

**4,14** Агар онҳое ки баракати Худоро меҷӯянд, махсусан дар масъалаи сафедшавӣ, онро ба воситаи риояи шариат соҳиб шуда метавониста бошанд, он гоҳ *имон ҳеҷ асту ваъда пуч.* Имон бо шариат мувофиқат намекунад, чунки принсипи асосиаш ба он муқобил аст: *имон* бо боварӣ пайваст аст, аммо *шариат* бо амал. Ваъда ҳеҷу пуч мебуд, чунки вай бо шарте вобаста мешуд, ки иҷро кардани он имкон надорад.

**4,15** *Шариат ғазаби* Худоро ба вуҷуд меорад, на ин ки баракатро. Вай ба онҳое ки онро пурра ва доимо иҷро намекунанд, лаънат меорад. Ва азбаски ҳеҷ кас инро кардан наметавонад, ҳамаи онҳое ки зери шариатанд, ба марг маҳкум шудаанд. Таҳти шариат буда, аз лаънат халос шудан имкон надорад.

Аммо дар ҷое ки *шариат нест, вайронкунии он ҳам нест.* Ҷиноят вайрон кардани қонуни маълум аст. Лекин дар баробари ин Павлус наменависад, ки дар ҷое ки шариат нест, гуноҳ ҳам нест. Ягон кирдор метавонад рӯйрост нодуруст бошад, ҳатто агар он дар қонун эзоҳ дода нашуда бошад. Шумо мошинро бо суръати 100 км/соат ронда метавонед, он танҳо дар он ҳолат ҷиноят мешавад, ки аломат пайдо мешавад: «Маҳдудияти суръат 50 км/соат».

Яҳудиён чунин меҳисобиданд, ки онҳо бо шариат баракатро мерос гирифтаанд, лекин дар асл онҳо танҳо *вайронкунии шариатро* мерос гирифтанд. Худо шариатро дод, то ки гуноҳ чун *вайронкунии шариат* шинохта шавад, ё, бо ибораи дигар, то ки гуноҳ бо тамоми гуноҳолудагияш зоҳир шавад. Ӯ ҳеҷ гоҳ шариатро чун воситаи наҷотдиҳии гуноҳкорони вайронкунандаи шариат намешумурд!

**4,16** Дар натиҷаи он ки шариат на сафед карда шудан, балки танҳо ғазаби Худоро ба вуҷуд меоварd, Худо қарор дод, ки одамонро аз рӯи *файз мувофиқи имон* наҷот диҳад. Ӯ ҳаёти абадиро ба гуноҳкорони осӣ, ки Ӯро сирф бо имон қабул мекунанд, чун инъоми бепул ва носазовор медиҳад.

Ва дар ин маъно *ваъдаи* ҳаёт *ба тамоми насл таъмин мешавад.* Мо мехостем дар ду калима таваққуф намоем «таъмин шавад» ва «тамоми». Аввалан, Худо мехоҳад, ки ваъдаи Ӯ *таъмин шавад.* Агар сафед карда шудан ба он вобаста мебуд, ки одам шариатро чӣ хел иҷро мекунад, ӯ ҳеҷ гоҳ боварӣ намедошт, ки ваъдаи Худо то ҳол амал мекунад, чунки шубҳа мекард, ки магар ба дараҷаи кофӣ корҳои хуб мекунад ё не. Ҳеҷ касе ки наҷотро бо амал сазовор шудан мехоҳад, шодии боварии пурраро ба он надорад. Вале ҳангоме ки наҷот чун инъоме ки онро танҳо бо имон қабул кардан даркор аст, дода мешавад, одам метавонад ба наҷот ёфтани худ дар асоси эътибори Каломи Худо боварӣ дошта бошад.

Дуюм, Худо мехоҳад, ки *ваъда* барои ҳама *таъмин шавад, на фақат* барои яҳудиён, ки *шариат* ба онҳо дода шуда буд, балки низ барои ғайрияҳудиёне ки низ чун Иброҳим ба Худованд имон овардаанд. *Иброҳим падари ҳамаи мост,* яъне падари ҳамаи имондорон – яҳудиён ва ғайрияҳудиён.

**4,17** Барои тасдиқ кардани он ки Иброҳим ба ҳама имондорон падар аст, Ҳастӣ 17,5-ро иқтибос меорад: *«Ман туро падари халқҳои бисёр гардондам».* Исроилро халқи худ интихоб кардани Худо маънои онро надошт, ки файз ва марҳамати Ӯ танҳо бо ин миллат маҳдуд аст. Расул оятҳоро аз Аҳди Қадим моҳирона пайиҳам мисол меорад, то нишон диҳад, ки Худо имонро дар ҳар касе ки дарёфт кунад, онро хеле баланд қадршиносӣ мекард.

*«... дар пеши Худое ки Иброҳим ба Ӯ имон овард»* фикри ояти 16-ро идома медиҳад: «Иброҳим ... ки падари ҳамаи мост». Алоқаи байни оятҳо чунин аст: Иброҳим падари ҳамаи мост дар назди Худо, ки вай (Иброҳим) ба Ӯ имон овард, ба Худое ки *мурдагонро зинда мекунад* ва оид ба *номавҷуд ҳамчун мавҷуд* сухан меронад. Барои фаҳмидани чунин тасвири Худо мо бояд ба оятҳои оянда нигоҳ кунем. Ба мурдагон ҳаёт бахшидани Ӯ дар бораи Иброҳим ва Соро гуфта шудааст, азбаски, ҳарчанд онҳо ҷисман намурда бошанд ҳам, бефарзанд буда, аллакай аз он синну соле ки одамон фарзанддор шуда метавонанд, баромада буданд (ниг. 4,19). Худо он чизро, ки вуҷуд надорад, чунин

меномад, ки гӯё аллакай мавҷуд аст, ин ба насли беҳисобе ки халқҳои зиёдро дар бар мегирад, дахл дорад (ниг. 4,18).

**4,18** Дар оятҳои пешина Павлус махсусан зикр кард, ки ваъдаро Иброҳим на аз рӯи шариат, балки аз рӯи имон гирифт, ва он аз рӯи марҳамат дода шудааст ва ба ҳамаи авлоди вай дахл дорад. Ин, албатта, моро ба ақидае меорад, ки Иброҳим ба Худои зиндакунандаи мурдагон имон дошт. Худо ба Иброҳим насли зиёдеро чун ситорагон ё чун рег ваъда дод. Аз нуқтаи назари одамӣ, вай заррае ҳам чунин имконият надошт. Аммо *дар ҳоле ки ҳеҷ умеди* одамӣ набуд, Иброҳим *умедвор шуда, имон овард,* ки *падари халқҳои зиёде* мешавад, чунон ки Худо дар Ҳастӣ 15,5 ваъда дод: *«Насли ту чунин мешавад»*.

**4,19** Вақте Иброҳим бори аввал дар бораи авлоди сершумор ваъда гирифт, вай ҳафтоду панҷсола буд (Ҳас. 12,2-4). Он вақт вай ҳанӯз ҷисман метавонист падар шавад, чунки каме дертар аз он Исмоилро ба дунё овард (Ҳас. 16,1-11). Лекин дар ин оят Павлус оид ба он замоне менависад, ки Иброҳим аллакай садсола шуда буд, ва ин ваъда ба вай дубора такрор карда шуд (Ҳас. 17,15-21). Дар он вақт имконияти тавлиди ҳаёти нав, бе дахолати муъҷизанок, аллакай аз даст рафта буд. Вале Худо ба Иброҳим писар ваъда дод, ва ӯ ба ваъдаи Худо бовар кард.

*Дар имон суст нашуд,* ва ӯ на оид ба *ҷисми* худ фикр мекард[12], ки ин дам *аллакай пир шудааст,* на оид ба *батни* мурдаи Соро. Аз нуқтаи назари одамӣ ин тамоман имкон надошт, лекин Иброҳим бовар кард.

**4,20** Иҷронашавандагии зоҳирии *ваъда* Иброҳимро маҷбур накард дудила шавад. Инро Худо *гуфт* ва Иброҳим *дар имонаш устувор истод.* Аз рӯи ақидаи нахустпадар, ваъда танҳо дар он сурат иҷро нашуда метавонист, ки Худо вайро фиреб диҳад. Имони Иброҳим зинда ва бақувват буд. Вай ба *Худо* барои он *ҳамду сано хонд,* ки ба Ӯ такя кардан мумкин аст ва Ӯ ваъдаи Худро бар хилофи қонунҳои табиат ва эҳтимолият иҷро мекунад.

**4,21** Иброҳим надонист, ки Худо ваъдаи Худро чӣ тавр иҷро мекунад, лекин ин он қадар ҳам аҳамият надошт. Вай Худоро медонист ва боварии комил дошт, ки Худо *ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст.* Аз як тараф, ин зоҳиршавии имони аҷибе буд, лекин аз тарафи дигар, ин пурра амали оқилона буд, чунки Каломи Худо аз ҳама чизе ки дар олам вуҷуд дорад, бештар ҳақ аст, ва Иброҳим ба он такя карда чизеро бой намедод.

**4,22** Худо аз ёфтани одаме ки ба сухани Ӯ бовар кунад, шод буд, чунон ки Ӯ имрӯз ҳам шод мешавад. Ва барои ҳамин Ӯ инро барои Иброҳим *адолат* ҳисоб кард. Дар он ҷое ки аввал гуноҳ ва айб бо ҳам буданд, акнун танҳо ростkории комил дар назди Худо ҳаст. Иброҳим аз лаънат озод карда шуд ва аз тарафи Худои қуддус аз рӯи имон сафед карда шуд.

**4,23** Ҳикояти сафедшавии вай на танҳо *дар ҳаққи ӯ* навишта шудааст. Албатта, дар он ки ин дар ҳаққи ӯ навишта шуда буд, маънои чуқуре ҳаст: шаҳодати доимӣ оид ба озодшавии ӯ ва ҳолати акнун комили ӯ назди Худо.

**4,24** *Вале* ҳамаи ин *дар ҳаққи мо низ* навишта шудааст. Имони мо ҳамчунин ба мо чун росткорӣ ҳисобида мешавад, ҳангоме ба Худое бовар мекунем, ки *Худованди мо Исоро аз мурдагон бархезонд*. Фарқи ягона дар он аст, ки Иброҳим боварӣ дошт, ки Худо ба мурдагон ҳаёт мебахшад (яъне ба тани сусти худ ва батни нозойи Соро). Мо бошем бовар мекунем, ки Худо, Худованд Исои Масеҳро зинда карда, ба мурдагон ҳаёт бахшид.

Ҷ. Д. Макинтош инро чунин шарҳ медиҳад:

*Иброҳим даъват шуда буд ба ваъда бовар кунад, дар ҳоле ки мо сазовори он ҳастем, то ба чизи аллакай рухдода бовар кунем. Вай бо имон ба он чи ҳанӯз дар оянда бояд рух медод, мезист; мо бошем ба он чи ки аллакай иҷро шудааст, менигарем, ба халосии иҷрошудае ки онро Наҷотдиҳандаи зиндашуда ва ҷалолёфта, ки ба ямини тахти бузург дар осмонҳо нишаст, тасдиқ кардааст.*[13]

**4,25** Худованд Исо *ба сабаби гуноҳҳои мо таслим гардид ва барои сафед кардани мо бархезонда шуд*. Ва гарчанде дар нусхаи асл ин ҷо дар робита ба гуноҳҳои мо ва сафед карда шудани мо ҳамон як пешоянд (юн. *диа*) истифода мешавад, албатта, матн тобишҳои гуногуни маъноиро талаб мекунад. Ӯ на танҳо *ба сабаби* гуноҳҳои мо, балки низ барои гуноҳҳои мо *таслим гардид*, яъне барои аз онҳо халос кардани мо. Ва Ӯ *барои* он *бархезонда шуд*, то нишон диҳад, ки адолати Худо бо қурбонии Масеҳ, ки моро сафед мекунад, пурра

қонеъ гардид. Дар ҳолати якум гуноҳҳои мо масъалаи ҳалталаб буданд. Дар ҳолати дуюм сафед карда шудани мо амали иҷрошуда аст, ки бо факти зиндашавии Масеҳ тасдиқ шудааст. Агар Масеҳ дар қабр мемонд, ҳеҷ гуна сафедшавӣ ҳам намебуд. Лекин факти растохези Ӯ ба мо шаҳодат медиҳад, ки кор иҷро шудааст, музд пардохта шудааст. Худо аз он кафорати гуноҳҳо, ки Наҷотдиҳанда ба амал овард, барои ҳамеша қонеъ гардидааст.

### Д. Таъсири амалии Хушхабар (5,1-11)

Расул мавзуи сафед карда шуданро инкишоф медиҳад ва саволи зеринро мебардорад: Дар ҳаёти амалӣ ин гуна сафедшавӣ ба имондорон кадом афзалиятҳоро медиҳад? Бо ибораи дигар, оё он ягон натиҷа дорад? Ҷавоби вай бо овози баланд «ҳа» мебошад, ки бо ҳафт баракати асосии ба ҳар як имондор атошуда тасдиқ шудааст. Ин баракатҳоро имондор ба воситаи Масеҳ соҳиб мешавад. Ӯ байни Худо ва одам Миёнарав шуд, ва ҳама атоҳои Худо ба воситаи Ӯ дода мешаванд.

**5,1** Афзалияти якум ва муҳим, ки танҳо ба касони бо имон сафедшуда дахл дорад, он аст, ки *мо бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ осоиш дорем.* Ҷанг хотима ёфт. Адоват гузашт. Ба шарофати Масеҳ ҳамаи сабабҳои душманӣ байни ҷонҳои мо ва Худо бартараф карда шуданд. Бо муъҷизаи файз мо аз душманҳо дӯст шудем.

**5,2** Ҳамчунин мо ба вазъи пуршарафи тасвирнашаванда дар зери ҳимояи Худо *роҳ ёфтаем.* Мо аз тарафи Дӯстдоштаи Ӯ қабул карда шудем, ва барои ҳамин ҳам ба Худо монанди Писари ягонаи Ӯ наздик ва азиз ҳастем. Падар ба мо низ чӯбдасти зарринро дароз мекунад, моро фарзандони Худ мехонад, на бегона. Ин *файз,* илтифот ҳамаи пахлуҳои вазъи моро назди Худо дар бар мегирад, ки чун Худи Масеҳ мукаммал ва тағйирнопазир аст, чунки мо дар Ӯ ҳастем.

Ва, гӯё ки ин кифоя набошад, мо ҳамчунин бо *умеди ҷалоли илоҳӣ* шодӣ мекунем. Ин ҷо оид ба он замон сухан меравад, ки мо на танҳо метавонем ба ҷалоли Худо назар афканем, балки худамон ҳам шуҳрат ёбем (ниг. Юҳ. 17,22; Кул. 3,4). То даме ки дар замин ҳастем, мо тамоми маънои чуқури ин умедро дар дил ҷой дода наметавонем, лекин мо ҷовидона дар ҳайрат мемонем.

**5,3** Баракати чоруме ки аз сафед карда шудан бармеояд, имкони *бо азобҳо низ фахр кардан* аст, асосан на бо мушкилиҳои ҳозира, балки бо натиҷаи ояндаи онҳо (ниг. Ибр. 12,11). Яке аз тазодҳои хуби имони масеҳӣ дар он аст, ки шодӣ бо ғам якҷоя вуҷуд дошта метавонад. Муқобилмаъноии шодӣ на ғаму андӯҳ, балки гуноҳ аст. Яке аз натиҷаҳои *ғам сабр* ва субот аст. Агар ҳаёти мо аз мушкилот маҳрум бошад, мо наметавонем дар сабр устуворӣ ҳосил кунем.

**5,4** Баъд Павлус идома медиҳад, ки *сабр ботаҷрибагиро* ҳосил мекунад. Вақте Худо мебинад, ки мо босаброна санҷишҳоро аз сар мегузаронем ва ба Ӯ имкон медиҳем чизҳои ба нақша гирифтаашро ба воситаи ғамҳои мо иҷро кунад, Ӯ муҳри ризоияти Худро бар мо мемонад. Мо санҷида ва тасдиқ карда шудаем. Ва ин шаҳодат моро аз *умед* пур мекунад. Мо медонем, ки Худи Худо дар ҳаёти мо амал карда, хислати моро тағйир медиҳад. Ин ба мо боварӣ медиҳад, ки Ӯ кори хуби дар мо оғозкардаашро то охир давом медиҳад (Фил. 1,6).

**5,5** *Умед шарманда намекунад.* Агар мо як умр ба ягон чиз умед баста, дар охир медидем, ки чизи интизоршудаамонро намегирем, мо маъюс шуда, аз умеди худ шарм мекардем. Лекин умеди наҷот ҳеҷ гоҳ боиси шармсории мо намегардад. Дар пеш моро ноумедӣ дар он интизор нест, ки эътимоди мо бардурӯғ будааст. Ин эътимодро ба мо чӣ медиҳад? Он ки *муҳаббати Худо дар дилҳои мо ҷорӣ шудааст.* Зери калимаҳои «муҳаббати Худо» ҳам муҳаббати мо ба Худо ва ҳам муҳаббати Худо ба моро фаҳмидан мумкин аст. Дар ин ҳолат маънои дуюм дар назар дошта шудааст, азбаски дертар, дар оятҳои 6-20, якчанд далелҳои муҳими муҳаббати Худо ба мо оварда мешаванд. *Рӯҳулқудс,* ки дар аснои имон овардан *ба мо дода шуда,* дилҳои моро бо нишонаҳои муҳаббати абадии Худо пур мекунад, ва ин моро боварӣ ҳосил мекунонад, ки Худо моро бо муваффақият ба хона, ба осмон меоварад. Рӯҳулқудсро қабул карда, шумо ҳис мекунед, ки Худо шуморо дӯст медорад. Ва ин ягон эҳсосоти тираву номафҳуми он нест, ки «Касе дар боло» дар бораи инсоният ғамхорӣ мекунад, балки бовари комил ба он аст, ки Худи

Худо, Шахсияти муайян, шахсан шуморо дӯст медорад.

**5,6** Дар оятҳои 6-20 Павлус далелҳоро мувофиқи тартиби зиёдшавӣ меорад. Ақидаи вай дар он аст: Агар муҳаббати Худо вақти гуноҳкори осӣ буданамон бар мо ҷорӣ мешуда бошад, пас Ӯ магар наметавонад аз ҳамон даме ки мо ба Ӯ тааллуқ дорем, моро боз ҳам зиёдтар муҳофизат кунад? Ин моро ба афзалияти панҷуми сафедшавӣ меорад: Дар Масеҳ мо бехатарии абадиро дорем. Ин мавзуъро инкишоф дода, расул панҷ «хусусан»-ро пешниҳод мекунад.

«Хусусан»-и наҷот аз ғазаб (5,9); «хусусан»-и наҷот ба воситаи аз мурдагон бархостани Ӯ (5,10); «хусусан»-и бахшоиши файз (5,15); «хусусан»-и ҳукмронии имондор дар зиндагӣ (5,17); «хусусан»-и фаровонии файз (5,20).

Дар оятҳои 6, 7 ва 8 Павлус зикр мекунад, ки ҳангоме *Масеҳ барои мо мурд,* мо кӣ будем: *нотавон, осӣ, гуноҳкор.* Дар оятҳои 9 ва 10 бошад вай ба он ишора мекунад, ки мо акнун кӣ ҳастем (бо хуни Ӯ сафед шудаем, бо Худо бо марги Ӯ оштӣ шудаем) ва Наҷотдиҳанда барои мо аз он ҳам бештар чӣ мекунад: аз ғазаб наҷот медиҳад, бо ҳаёти Худ муҳофизат мекунад.

Аввал вай ёдрас мекунад, ки мо камқувват, заиф, *нотавон* ҳастем ва худро наҷот дода наметавонем. Аммо дар вақти муқарраршуда Худованд Исои Масеҳ ба сайёраи мо омад ва барои инсоният мурд. Ӯ на барои одамони хуб мурд, чунон ки баъзеҳо гумон карда метавонанд, балки барои *гунаҳкорон.* Дар мо ягон чизи сазоворе набуд, ки дар назари Худо шоистаи таҳсин бошад. Мо мутлақо сазовор нестем, лекин Масеҳ ба ҳар ҳол *барои мо* ҷон дод.

**5,7** Ин зуҳуроти муҳаббати илоҳӣ беҳамтост ва бо меъёрҳои маъмулии инсонӣ умумияте надорад. Одатан, одамон ҳаёти худро қимат медонанд ва онро барои ягон каси ношоиста намедиҳанд. Мисол, ҳеҷ кас ба ҷои одамкуш, хоин ва дузд намемирад. Бештар аз он, вай ҳатто ба ҷои *росткоре* ҳам, ки бовиҷдон, боэътимод, лекин, эҳтимол, на он қадар раҳмдил аст, шояд *мурдан* нахоҳад. Фарз кардан мумкин аст, ки дар баъзе вазъиятҳо одам розӣ мешавад, ки ҷони худро барои *некӯкор* диҳад – барои он касе ки меҳрубон, пур аз тараҳҳум аст, дӯст доштан ва дӯстдошта будан метавонад.

**5,8** Муҳаббати Худо дар ҳақиқат на аз олами фонӣ аст. Ӯ *муҳаббати* аҷиби *Худро ба мо бо ҳамин* зоҳир намуд, ки писари дӯстдоштаи Худро фиристод, то *барои мо* бимирад, *ҳангоме ки ҳанӯз гунаҳкор будем.* Ҷавоб ба саволе ки чаро Ӯ инро кард, дар иродаи ихтиёронаи Худи Худо маҳфуз аст. Дар мо чизе набуд, ки боиси ин гуна муҳаббат шуда тавонад.

**5,9** Акнун вазъияти нав ба вуҷуд омад. Мо дигар гуноҳкорони айбдор ҳисоб намешавем. Ба шарофати арзиши беандоза баланди Хуни Наҷотдиҳанда, ки дар Ҷолҷолто рехта шудааст, Худо моро чун росткорон эътироф мекунад. Ва агар Ӯ ин гуна нархи баландро барои сафед кардани мо дода бошад, магар *хусусан акнун* Ӯ моро аз *ғазаб* низ ба воситаи Масеҳ наҷот намедиҳад? Магар Ӯ, ки аллакай нархи баландтаринро барои назди Худ овардани мо дод, ниҳоят ҳалокшавии моро роҳ медод?

«Наҷот аз ғазаб» метавонад ҳам «наҷот аз даруни ғазаб», ҳам «наҷот аз ҳар гуна алоқа ба ғазаб»-ро ифода кунад. Аз афташ, дар ин ҷо пешоянди «аз» (юн. апо) маънои дуюмро ифода мекунад – наҷот аз ҳама гуна алоқа бо ғазаби Худо худи ҳозир ва ё дар ҷовидонӣ.

**5,10** Кӣ будан ва кӣ шуданамонро ба хотир оварда, биёед ба ин аз чунин нуқтаи назар нигарем: Мо бо Худо *ба воситаи марги Писари Ӯ мусолиҳа кардем,* вақте ки *душмани* Ӯ будем. Мо дидаву දониста Худовандро бад медидем. Ва агар ба мо намерасиданд, мо ҳатто бо Ӯ оштӣ шудан ҳам намехостем. Фақат фикр кунед – *душманони* Худо!

Аммо Худо дар ин бора бо ақидаҳои мо розӣ набуд. Вай аз рӯи марҳамати фавқулодаи Хеш дахолат кард. Ба ҷои дигарон қурбонӣ шудани Масеҳ худи сабаби нафрати моро ба Худо, яъне гуноҳҳои моро, барҳам дод. Ва аз рӯи имон ба Масеҳ мо бо Худо оштӣ шудем.

Агар Худо бо чунин нархи гарон мусолиҳаро бо мо соҳиб шуда бошад, магар ӯ метавонад ягон вақт моро ба ихтиёрамон сар диҳад? *Агар* мо *бо Ӯ ба воситаи марги Писари Ӯ мусолиҳа карда бошем,* ки нишонаи нотавонии пурра буд, магар Ӯ моро то охир бо ҳаёти Масеҳе ки ба тахти Худо нишастааст ва соҳиби ҳукми пурра аст, нигоҳ намедорад? Агар дар *марги* Ӯ ин қадар қувва бошад, ки моро наҷот дод, пас дар *ҳаёти* Ӯ барои нигоҳ доштани мо чӣ қадар қувваи зиёде мешавад!

**5,11** Акнун мо ба афзалияти шашуми сафедкунӣ мегузарем: мо *бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ фахр мекунем.* Мо на фақат бо атоҳои Ӯ шодӣ мекунем, балки бо худи Ӯ низ. То вақти начот ёфтанамон мо кӯшиш мекардем шодиро дар ҳама чизи дунё ёбем. Лекин акнун мо танҳо бо як ёди Ӯ шодӣ мекунем, ва танҳо он вақте ки Ӯро фаромӯш мекунем, андӯҳгин мешавем. Чӣ моро водор сохт, ки барои Худо шодӣ кунем? Ин кори Исои Масеҳ аст. Чун ҳамаи баракатҳои дигар, ин шодӣ ба мо ба воситаи Ӯ дода шудааст.

Афзалияти ҳафтуми ба сафедшудагон додашуда дар калимаҳои зерин изҳор шудааст: *«... алҳол оштӣ ба даст овардаем»* Ин *оштӣ* ба ҳамоҳангии муносибатҳои байни Худо ва одамон дахл дорад, ки ба шарофати қурбонии Наҷотдиҳанда фаро расидааст. Гуноҳ одамонро аз Худо дур кард, байни онҳо ҷудоӣ ва душманиро корид. Гуноҳи боиси ҷудоӣ гардидаро мағлуб карда, Худованд Исо ононеро, ки ба Ӯ имон овардаанд, барои муносибатҳои ҳамоҳанг бо Худо зинда кард. Ва дар охир бояд зикр кард, ки Худо ба оштишавӣ зарурат надошт. Оштӣ ба одам даркор буд, зеро маҳз вай бо Худо душманӣ кард.

### Е. Ғалабаи Масеҳ бар гуноҳи Одам (5,12-21)

**5,12** Нимаи дуюми боби панҷум чун ҷузъи васлкунанда байни қисми пештараи нома ва се боби оянда хизмат мекунад. Бо қисми аввал онро мавзуи маҳкумшавӣ дар Одам ва сафедшавӣ дар Масеҳ муттаҳид мекунад ва он, ки қурбонии Масеҳ баракатҳои хеле бештаре меорад, нисбат ба он ки гуноҳкоршавии Одам лаънат оварда буд. Бо бобҳои 6-8 он бо гузариш аз сафедшавӣ ба покшавӣ ва аз амалҳои пургуноҳ ба гуноҳолудии табиати инсон пайванд аст.

Дар ин ҷо Одам дар нақши сардор ё намояндаи ҳамаи онҳое тасвир меёбад, ки ба офариниши кӯҳна мансубанд. Масеҳ бошад нақши Сардори ҳамаи онҳоеро дорад, ки ба офариниши нав тааллуқ доранд. Сардор аз номи мансубони худ ва барои ҳамаи мансубон амал мекунад. Мисол, вақте ки президент ягон фармонро имзо мекунад, вай барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар амал мекунад.

Ана ҳамин чиз бо Одам рӯй дод. Дар натиҷаи *гуноҳи* вай *ба ҷаҳон марг* ворид гашт. Он тақдири одии тамоми авлоди Одам гашт, чунки *ҳамаи* онҳо дар вай *гуноҳ карданд.* Албатта, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ низ гуноҳҳо содир карда буд, вале ин ҷо гап дар бораи ин намеравад. Ақидаи Павлус он аст, ки гуноҳи Одам амали намояндагӣ шуд ва, ҳамин тариқ, дар симои вай тамоми авлоди вай *гуноҳ* кард.

Дар ин ҷо эрод гирифтан мумкин аст, ки гуноҳи якумро дар замин Одам не, балки Ҳавво содир кардааст. Оре, ҳамин хел, лекин Одам офарида шуда буд, ва мақоми сардорро вай ишғол мекард. Ҳамин тавр, маҳз вай дар нақши намояндаи тамоми авлоди худ баромад мекард.

Вақте Павлус менависад, ки марг *ба ҳамаи одамон гузашт,* вай *марги* ҷисмониро дар назар дорад, агарчи гуноҳи Одам ба инсонҳо марги рӯҳониро низ овард. (Яъне дар ин ҷо марги ҷисмонӣ дар назар дошта шудааст, ки дар оятҳои 13-14 нишон дода шудааст).

Вақте мо ин ҷои номаро мехонем, дар мо дарҳол якчанд савол пайдо мешаванд. Магар аз рӯи инсоф аст, ки барои гуноҳи Одам ҳамаи авлоди вай гуноҳкор ҳисобида мешаванд? Оё Худо одамонро барои он маҳкум мекунад, ки онҳо гуноҳкор зода шуданд, ва ё танҳо барои он гуноҳҳое ки онҳо содир кардаанд? Ва агар одамон гуноҳкор зода шаванд ва, мувофиқан, гуноҳ накарда наметавонанд, пас чаро онҳо барои амалҳояшон дар назди Худо ҷавобгарӣ кашанд?

Бисёр тафсиркунандагони Навиштаи Муқаддас мағзи сарашонро дар бораи ин ва дигар саволҳои зиёд об мекарданд, ва аҷибаш ҳамин ки ба ақидаҳои гуногун омаданд. Аммо фактҳое ҳастанд, ки бо дили пур ба онҳо такя кардан мумкин аст.

Якум, Навиштаи Муқаддас аниқ мегӯяд, ки ҳамаи одамон гуноҳкоранд, ҳам аз рӯи табиаташон, ҳам аз рӯи амалҳояшон. Касе ки аз волидони заминӣ зода мешавад, аз онҳо гуноҳи Одамро мерос мегирад, ва ғайр аз он, худаш дониста роҳи гуноҳро пеш мегирад.

Дуюм, мо медонем, ки ҷазо барои гуноҳ марг аст, ҳам ҷисмонӣ, ва ҳам рӯҳонӣ, яъне ҷудоии ҷовидонӣ аз Худо.

Лекин ҳеҷ зарур нест, ки кас барои гуноҳаш ҷазо дода шавад, агар вай худаш инро нахоҳад. Ин далели муҳимест. Худо барои ин

нархи гароне дод: Писари Худро фиристод, то ки ба ҷои гуноҳкорон бимирад. Наҷот аз гуноҳ ва аз ҷазо, чун атое ки мо сазовораш нестем, аз рӯи имон ба Худованд Исои Масеҳ пешкаш карда мешавад.

Инсон бо се сабаб маҳкум карда шудааст: Вай аз рӯи табиати худ гуноҳолуд аст, гуноҳи Одам ба ҳисоби вай дароварда мешавад, ва вай бо амалҳои худ гуноҳ мекунад. Лекин гуноҳи асосии инсон дар он аст, ки вай он роҳеро, ки Худо барои наҷот ба вай пешниҳод мекунад, рад мекунад (Юҳ. 3,18. 19.36).

Аммо дарҳол савол пайдо мешавад: бо онҳое ки ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд, чӣ бояд кард? Ҷавоби ин савол қисман дар боби якум дода шудааст. Ба замми он мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки Довари тамоми ҷаҳон аз рӯи адолат амал мекунад (Ҳас. 18,25). Ӯ ҳеҷ гоҳ наметавонад бевиҷдонӣ ё беадолатӣ кунад. Ҳамаи қарорҳои Ӯ беғаразона ва дурустанд. Ва гарчанд ба назари тирагаштаи мо баъзе вазъиятҳо пурмуаммо метобанд, мушкилӣ дар Ӯ нест. Агар қарори охирини доварӣ садо дода бошад ва дари толори маҳкама пӯшида шавад, дигар ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳукми баровардаро дигаргун кунад.

**5,13** Аз ин оят Павлус ба фаҳмондан сар мекунад, ки чӣ гуна Одам ба тамоми башарият таъсир кард. Якум, аз замони Одам сар карда то дода шудани *шариат* дар кӯҳи Сино *гуноҳ дар ҷаҳон буд*. Лекин шариати равшан баёншудаи Худо дар он замон ҳанӯз вуҷуд надошт. Одам аз Парвардигор нишондоди аниқи шифоҳӣ гирифт, ва танҳо баъд аз гузаштани садсолаҳои зиёд амри Худо дар Даҳ фармуда навишта шуд. Лекин дар давраи мобайнӣ одамон шариати расмии Худоро надоштанд. Барои ҳамин ҳам агарчи *гуноҳ* мавҷуд буд, лекин ҷиноят набуд, зеро танҳо вайрон кардани шариати мавҷуда ҷиноят номида мешавад. Ҳангоме ки шариати манъкунандаи гуноҳ нест, *гуноҳ* ҷиноят *ҳисобида намешавад*.

**5,14** Бо вуҷуди ин, дар он муддате ки ҳанӯз шариат набуд, *марг* рухсатӣ намегирифт. Ғайр аз як худи Ҳанӯх, марг ба тамоми инсоният ҳукмфармо буд. Одамон на барои он мемурданд, ки фармудаҳои муайяни Худоро вайрон карданд, мисол, ба монанди Одам. Чаро марг ба онҳо низ пахн мегардид? Ҷавоб чунин аст: Онҳо барои он мемурданд, ки дар Одам гуноҳ содир кардаанд. Агар ин беадолатӣ тобад, дар хотир доштан зарур аст, ки ин ҷо сухан дар бораи наҷот намеравад. Ҳар касе ки бо имон ба Худованд мезист, зиндагии абадиро соҳиб мешуд. Лекин ҷисман онҳо айнан ҳамон хел гирифтори марг буданд, ва сабабгори ин сарвари онҳо Одам буд. Чун пешвои насли инсон, Одам *тимсоли Шахсе* шуд, ки дар *оянда* меояд, яъне Худованд Исои Масеҳ. Дар оятҳои баъдина Павлус мавзуъро оид ба ин ду сардор инкишоф медиҳад, ва аз монандиҳо дида бештар ба фарқҳои онҳо аҳамият медиҳад. Вай нишон медиҳад, ки дар Масеҳ писарони Одам нисбат ба он чи падари онҳо гум кард, баракати бештареро доро шуданд.

**5,15** Фарқи якум дар *гуноҳи Одам* ва *атои файзи* Масеҳ аст. Бо гуноҳи одами якум *бисёр касон гирифтори марг шуданд. «Бисёр касон»* гуфта, тамоми насли Одам дар назар дошта шудааст. Ва дар ин ҷо ҳам марги ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳонӣ дар назар дошта шудааст.

*Атои файз* ба ин *бисёр касон* чизи хеле бештареро медиҳад. Атое ки инсон сазовораш нест, *файзи Худоро* ба тамоми инсонияти гуноҳолуд хеле хуб ифода мекунад. Ин ато *ба воситаи файзи як Одам, Исои Масеҳ* имконпазир шуд. Дар қарори мурдан барои офаридаи исёнбардоштаи Худ марҳамати аҷиби Ӯ зоҳир гардид. Ва ба воситаи марги қурбонии Ӯ бахшоиши ҳаёти абадӣ акнун ба *бисёр касон* пешниҳод карда мешавад.

Ин ду гурӯҳи *«бисёр касон»* на ҳамон як одамонанд. *Бисёр касони* аввал онҳоеро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи гуноҳкоршавии Одам гирифтори марганд. *Бисёр касони* дуюм онҳоеанд, ки қисми офариниши наве шудаанд, ки сардораш Масеҳ аст. Ба онҳо танҳо касоне мансубанд, ки барояшон файзи Худо *фаровон* аст, яъне имондорони ҳақиқӣ. Ва агарчи некӯии Худо бар ҳамаи одамон мерезад, файзи Ӯро танҳо онҳое қабул мекунанд, ки ба Наҷотдиҳанда имон доранд.

**5,16** Боз як фарқи муҳим байни гуноҳи Одам ва *бахшоиши* Масеҳ вуҷуд дорад. Аз пайи *як гуноҳи* Одам *доварӣ* омад, ки дар он ҳукм баровардa шуд: «Маҳкум карда шуд». *Атои файзи* Масеҳ бошад на фақат як гуноҳ, балки *гуноҳҳои* зиёдеро пӯшонд, ва ҳукмномаи зеринро баровард: «Сафед карда шуд». Павлус мехоҳад ин фарқро байни гуноҳи Одам ва бахшоиши Масеҳ, байни харобии даҳшатноке ки танҳо як гуноҳ боиси он шуд ва раҳоёбии

ҳайратангез аз гуноҳҳои зиёд, байни ҳукмномаи *маҳкумият* ва *сафед* шудан махсус зикр кунад.

**5,17** Барои *гуноҳи* як одам *марг* чун шоҳи бераҳм *ҳукмронӣ* мекард. Лекин ба шарофати *атои* пурфайзи *росткорӣ,* атои фаровони марҳамат, ҳамаи имондорон *дар ҳаёт ба воситаи Исои Масеҳ* ҳукмронӣ мекунанд.

Чӣ файзе! Мо на танҳо аз зулми марг халосӣ ёфтаем, балки имрӯз ва дар ояндаи абадӣ аз ҳаёт ҳаловат бурда, худамон ҳукмронӣ низ мекунем. Магар мо инро мефаҳмем ва ба қадраш мерасем? Магар мо чун ҳукмронони осмонӣ зиндагӣ мекунем, ё дар хокрӯбаи ин ҷаҳон ғӯтидаем?

**5,18** *Гуноҳи* Одам ба сари ҳамаи одамон *маҳкумият* овард, лекин *росткории* Масеҳ боиси он гардид, ки *ҳамаи* одамон *барои ҳаёт сафед шуданд. Росткории* Масеҳ на ҳаёти Ӯ ва на иҷрои шариат, балки марги ивазкунандаи Ӯ дар Ҷолҷолто аст. Маҳз ҳамин боиси *барои ҳаёт сафед шудан* гардид, яъне *сафедшавие* ки *ҳаёт* мебахшад; ва Ӯ онро барои *ҳамаи одамон* дод.

Дар ин оят ду гурӯҳи *«ҳама»* тасвир шудаанд; онҳо на ҳамон як одамонанд. *Ҳама-и* якум онҳоянд, ки дар Одаманд. *Ҳама-и* дуюм онҳоеро дар бар мегирад, ки дар Масеҳанд. Ин аз калимаҳои ояти пешина маълум аст: «...онҳое ки фаровонии файз ва тӯҳфаи росткориро қабул мекунанд». *Тӯҳфа* бояд бо имон қабул шавад. Танҳо онҳое ки ҳаёташонро ба ихтиёри Худованд месупоранд, сафедшавӣ барои ҳаётро соҳиб мешаванд.

**5,19** Чунон ки ба воситаи *беитоатии* Одам ба фармудаҳои Худо *бисёр касон гуноҳкор шуданд,* ҳамчунин *ба воситаи итоати* Масеҳ ба Падар бисёр касоне ки ба Ӯ имон овардаанд, *росткор* эълон карда *мешаванд.* Маҳз итоаткории Масеҳ Ӯро ба салиб овард, ки Ӯ гуноҳҳои моро ба он бардошт.

Универсалистҳо ин оятҳоро барои тасдиқи он истифода бурданӣ мешаванд, ки оқибат ҳама наҷот меёбанд. Лекин ин нодуруст аст. Дар ин порча аниқ оид ба ду сардорӣ гуфта шудааст ва аён аст, ки чунон ки гуноҳи Одам ба онҳое ки «дар вай» ҳастанд, таъсир мекунад, ҳамин гуна росткории Масеҳ танҳо ба онҳое нафъ меорад, ки «дар Ӯ» мебошанд.

**5,20** Навиштаҳои Павлус мебоист мусоҳиби яҳудиро, ки ҳама чиз дар асоси шариат аст гуфта фикр мекард, ба ҳайрат меовард. Акнун ин мусоҳиб фаҳмид, ки гуноҳ ва наҷот на ба шариат, балки ба ду сардор такя мекунанд. Ва, эҳтимол, вай акнун пурсидан хоҳад: «Пас шариат умуман барои чӣ дода шуда буд?» Ва расул ҷавоб медиҳад: *«Шариат баъд ба майдон омад, то хато зиёд шавад».* Шариат манбаи гуноҳ набуд, лекин онро чун ҷиноят бар зидди Худо аён кард. Шариат аз гуноҳ наҷот намедод, балки гуноҳро дар тамоми сурати даҳшатнокаш нишон дод.

Вале марҳамати Худо аз гуноҳҳои ҳама одамҳо баландтар аст. Вақте ки *гуноҳ зиёд шуд, файзи Худо* дар Ҷолҷолто боз ҳам *фаровонтар гардид!*

**5,21** Аз имрӯз сар карда, ҳангоме ҳукми гуноҳ, ки одамонро сӯи марг мебарад, ба охир расид, *файз ба воситаи росткорӣ ҳаёти абадиро ба воситаи Исои Масеҳ, Худованди мо* ҳадя карда, ҳукмрон мешавад. Эътибор диҳед, ки файз *ба воситаи росткорӣ* ҳукмрон мешавад. Тамоми талаботи қуддусияти Худо қонеъ гардонда шуд, ҷазои шариат ба иҷро расид ва акнун Худо метавонад ба ҳама касоне ки кори Масеҳ, Ивазкунандаашон, боиси сафедшавии онҳо мегардад, ҳаёти абадӣ ато кунад.

Дар ин оятҳо қисман ҷавоби саволе мавҷуд аст, ки чаро Худо имкон дод, то гуноҳ ба ҷаҳон ворид шавад. Аз сабаби он ки гуноҳ ба ҷаҳон ворид гашт, Худо ба шарофати қурбонии Масеҳ дорои ҷалоли зиёдтаре гардид, одам бошад соҳиби баракати бештар шуд. Дар Масеҳ будани мо нисбат ба он ки дар Одами ба гуноҳ наафтода мебудем, хеле хубтар аст. Агар Одам гуноҳ намекард, вай то ҳол дар боғи Адан зиндагӣ мекард. Аммо вай имкон намедошт, ки фарзанди Худо, вориси Худо ва ҳамвориси Исои Масеҳ шавад. Вай ваъдаҳоро оид ба хонаи осмонӣ, ҳаёти абадӣ бо Масеҳ ва оид ба он ки вай ба Ӯ монанд мешавад, доро намешуд. Ин баракатҳо танҳо ба шарофати қурбонии раҳокунандаи Худованди мо Исои Масеҳ имконпазир гаштанд.

## Ё. Роҳ ба ҳаёти муқаддасона мувофиқи Инҷил (Б. 6)

Он чи Павлус дар охири боби панҷум гуфт – дар хусуси аз гуноҳ фаровонтар будани файз, – ба саволи ниҳоят муҳими зерин меорад. Магар

таълимоти Хушхабар оид ба наҷот бо файз аз рӯи имон метавонад ба зиндагии гуноҳолуд роҳ диҳад ё ҳавасманд кунад?

Ҷавоби ин савол қатъиян «не» дар бобҳои 6 то 8 мавҷуд аст. Дар боби шашум ин ҷавоб дар се калимаи марказӣ асос ёфтааст: донистан (ояти 3.6), ҳисобидан (ояти 11), ва супоридан, ё вогузор намудан (ояти 13).

Агар дар асоси чизи баёншуда мо фарқи байни мақом ва ҳаёти амалии имондорро фаҳмем, пайдарпайии далелҳои Павлусро мушоҳида карданамон осонтар мегардад. Мақоми имондор мартабаи вай дар Масеҳ аст, таҷрибаи ҳаррӯза он аст, ки вай чӣ хел зиндагӣ мекунад ё мекӯшад зиндагӣ кунад.

Файзи Худо аввал ба мо ин мақомро медиҳад, ва пас аз он мувофиқи мартабаи додашуда зистанро ёд медиҳад. Мартабаи мо мутлақо комил аст, чунки он дар Масеҳ аст. Дар ҳаёти воқеӣ мо бояд кӯшиш кунем, ки ба мақоми худ мувофиқ бошем. Вале мувофиқати пурра то замоне ки ба ҳузури Наҷотдиҳанда дар Подшоҳии Осмонӣ наистем, нахоҳад буд. Бо вуҷуди ин мо бояд тадриҷан ба тимсоли Ӯ боз ва боз наздиктар шавем.

Аввал расул оид ба муттаҳидшавии мо бо Масеҳ дар марг ва растохези Ӯ менависад, ва баъд даъват мекунад, ки дар нури ин ҳақиқати муъҷизаосо зиндагӣ кунем.

**6,1** Дар ин ҷо боз мусоҳиби яҳудӣ бо далеле пайдо мешавад, ки ба фикраш, раднопазир аст. Агар, мувофиқи Хушхабар, гуноҳи одам файзи боз ҳам афзунтари Худоро зоҳир мекарда бошад, пас магар аз ин хулоса барнамеояд, ки бояд дар *гуноҳ бимонем, то ки файз зиёд шавад?*

Имрӯз ин савол одатан чунин садо медиҳад: «Агар шумо мегӯед, ки одам танҳо ба василаи файз аз рӯи имон наҷот меёбад, новобаста ба он ки чӣ мекунад; агар барои наҷот танҳо бовар кардан даркор бошад, пас бе ибо рафта гуноҳ кардан мумкин аст». Аз ин нуқтаи назар, барои он ки одам ба покӣ кӯшиш кунад, як худи файз кифоя нест ва чорчӯбаи шариатро дохил кардан лозим аст.

Дар ин боб чор ҷавоби пай дар пай ба саволи азалӣ *«Оё дар гуноҳ монем, то ки файз зиёд шавад?»* оварда шудааст.

1. Мо дар гуноҳ мондан *наметавонем,* чунки бо Масеҳ пайвандем. Шарҳ (ояти 1-11).
2. Дар гуноҳ будани мо *лозим ҳам нест,* зеро файз ҳукми гуноҳро мағлуб кард. Даъват (ояти 12-14).
3. Гуноҳ кардани мо *мумкин нест,* чунки гуноҳ боз ҳукмфармои мо мешавад. Амр (ояти 15-19).
4. Мо *набояд* гуноҳ кунем, чунки ин метавонад оқибати бад дошта бошад. Огоҳӣ (ояти 20-23).[14]

**6,2** Далели якуми Павлус дар он аст, ки мо дар гуноҳ истода наметавонем, зеро *нисбат ба гуноҳ мурдаем.* Дар ин ҷо оид ба мартабаи мо сухан меравад. Исо, чун намояндаи мо, барои гуноҳ мурд. Ӯ на танҳо дар ивази мо, *барои* мо ё *ба ҷои* мо, балки низ ҳамчун намояндаи мо мурд - *чун* мо, яъне дар шахси Ӯ гӯё худи мо мурдем. Ҳамин тариқ, ҳангоме ки Ӯ мурд, мо низ мурдем. Ӯ як бор ва ҷовидона нисбат ба тамоми масъалаи гуноҳ мурд, ва онро комилан ҳал кард. Ва дар чашми Худо онҳое ки дар Масеҳанд, ҳамчунин нисбат ба гуноҳ мурданд.

Лекин ин маънои онро надорад, ки имондор бегуноҳ аст. Ин онро ифода мекунад, ки вай дар марги Масеҳ ва дар ҳамаи он чи аз ин марг бармеояд, бо Ӯ як шуд.

**6,3** Ҳамин тавр, Павлус дар ин ҷо калимаи асосии якумро истифода мекунад – ДОНИСТАН. Дар мисоли таъмид вай бо гуноҳ мувофиқат накардани имондорро таҳлил мекунад. Лекин дар ин ҷо дарҳол саволе ба миён меояд: «Ин ҷо оид ба кадом таъмид сухан меравад?» Каме аз мавзуъ дур меравем, то ки инро шарҳ диҳем.

Ҳангоме ки одам наҷот меёбад, *дар Исои Масеҳ таъмид* мегирад, яъне бо Масеҳ дар *марг* ва *эҳёи* Ӯ як мешавад. Ин бо таъмид дар Рӯҳулқудс (ё ба Рӯҳулқудс) як нест, агарчи онҳо дар як вақт рух медиҳанд. Таъмид дар Рӯҳ имондорро ба бадани Масеҳ ворид мекунад (1Қур. 12,13), лекин ин таъмид ба марг нест. Таъмид *дар Масеҳ* маънои онро дорад, ки дар чашми Худо мо ҳамроҳи Масеҳ мурдем ва низ бо Ӯ зинда шудем.

Оид ба таъмид сухан ронда, Павлус ҳам рӯҳан ба Масеҳ монанд шудан, ҳам дар таъмиди обӣ инъикос ёфтани онро дар назар дорад. Баъдтар, ба қадри инкишоф додани ин мавзуъ, вай маънои асосиро маҳз ба таъмид мегузаронад ва ба хонандагони худ оид ба дафн ва якшавии онҳо дар шабоҳати марги Масеҳ хотиррасон менамояд.

Дар ягон ҷои Аҳди Нав ҳодисаи ғайримаъмулии имондори таъмиднаёфта таҳлил карда намешавад. Дар назар дошта шудааст, ки касе пас аз бозгашт кардан дарҳол таъмид меёбад. Худованди мо низ оид ба имон ва таъмид дар як ҷумла мегӯяд: «Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад, наҷот хоҳад ёфт ...» (Марқ. 16,16). Ҳамин тариқ, гарчанде ки таъмид шарти зарурии наҷот нест, он чун шаҳодати ҷудонашавандаи наҷот ёфтан хизмат мекунад.

**6,4** Таъмиди обӣ тасвири аёнии *таъмид* дар Масеҳро нишон медиҳад. Имондор ба обҳои сиёҳи марг ворид мешавад (дар шахси Худованд Исо), ва баъд чун одами нав дар Масеҳ бармехезад, то ки *дар ҳаёти нав қадамгузор шавад*. Шахси таъмидёфта гӯё дар маросими дафни одами кӯҳнаи худ ҳузур дорад. Ва ба об ворид гашта, вай мегӯяд: «Ҳамаи он чи ман чун фарзанди гуноҳолуди Одам бо он мезистам, дар салиб кушта шуда буд». Аз об берун омада, вай эълон мекунад: «Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад»(Ғал. 2,20).

Конибеар ва Даусон менависанд: *«Ин порчаро танҳо дар ҳолате фаҳмидан мумкин аст, ки аз ибтидо бо ғӯтидан ба об иҷро шудани таъмидро аз назар соқит накунем»*.

Баъд расул ба фикри дигар мегузарад: Растохези Масеҳ ба мо имкон медиҳад, то *дар ҳаёти нав қадамгузор шавем*. Ҳамчунин вай менависад, ки *Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон бархезонда шуд*. Ин чунин маъно дорад, ки сифатҳои олии Худо – росткории Ӯ, муҳаббат, қуддусияти Ӯ ва ғайра талаб мекард, ки Ӯ Худовандро зинда кунад. Бо назардошти комил будани Шахсияти Наҷотдиҳанда, Худо наметавонист Ӯро дар қабр хобида гузорад. Худо Ӯро зинда кард, ва акнун мо, бо Масеҳ дар зиндашавии Ӯ як шуда, *дар ҳаёти нав қадамгузор шуда* метавонем.

**6,5** Айнан ҳамон тавре ки мо *дар монандии марги Ӯ бо Ӯ пайванд шуда бошем, дар монандии растохези Ӯ низ пайванд мешавем*. Калимаҳои «*мисоли марги Ӯ*» ба ғӯтидани имондор ба об ҳангоми таъмид таалluқ доранд. Дар асл якшавӣ бо Масеҳ дар марги Ӯ тахминан 2000 сол қабл ба вуқӯъ пайваста буд, аммо таъмид «мисол»-и ҳодисаҳои гузашта мебошад. Лекин мо на танҳо ба об фурӯ меравем, мо ҳамчунин аз он мебароем, ба монанди растохези Ӯ.

Айнан ҳамон тавре ки мо дар Масеҳ дар *монандии марги Ӯ пайванд шуда* будем (ба об ғӯтонда шуда будем), ҳамон хел мо бо Ӯ *дар монандии растохез низ пайванд мешавем* (аз об берун оварда мешавем). Калимаи «*мешавем*» на ҳатман замони ояндаро ифода мекунад. Ҳоҷ менависад:

*Ин калимаҳо ба он чи дар оянда рӯй медиҳад, таалluқ надоранд, балки пайдарпайии ҳодисаҳо, робитаи сабабу натиҷаро ифода мекунанд. Агар як воқеа рух диҳад, ҳатман дигараш низ бояд рух диҳад*.[15]

**6,6** Дар таъмиди масеҳӣ мо эътироф мекунем, ки *инсони кӯҳнаи мо* бо Масеҳ *ба салиб кашида шудааст*. Инсони кӯҳна гуфта табиати Одамии моро, «ман»-и кӯҳна, бадхашм, аз нав зоданашударо бо тамоми одат ва хислатҳои бадаш номидаанд. Ҳангоми бозгашт намудан мо одами *кӯҳнаро* аз худ мебарорем ва навашро мепӯшем, гӯё ки ҷандаи чиркинро ба либоси тоза иваз мекарда бошем (ниг. Кул. 3,9.10).

Дар Ҷолҷолто мехкӯб шудани одами кӯҳна онро ифода мекунад, ки *бадани пургуноҳи* мо аз ваколатҳои худ маҳрум гашта буд. *Бадани пургуноҳ* гуфта на ҷисми табиии мо, балки гуноҳи дар мо мезистаро номидаанд, ки ҳукмфармои золими идоракунандаи одам аст. Ва ин ҷисми пургуноҳ *ҳеҷ гардид*, яъне ҳукми вай бекор карда шудааст ва беэътибор ҳисобида мешавад. Ҷумлаи охирин ин иддаоро тасдиқ мекунад: «... *то ... мо дигар бандагони гуноҳ набошем*». Зулми гуноҳ сарнагун карда шуд.

**6,7** *Чунки мурда аз гуноҳ озод аст*. Тасаввур мекунем, ки ягон кас барои куштани полис ба қатл дар курсии барқӣ маҳкум шудааст. Пас аз иҷро шудани ҳукми қатл вай *аз* ҳамин *гуноҳ озод мешавад* (айнан «сафед карда мешавад») Вай ҷазо дид, ва парванда пӯшида ҳисобида мешавад.

Мо низ бо Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто мурдем. Дар айни ҳол на танҳо барои гуноҳҳо ҷазо дода шуд, балки озодӣ аз чанголи гуноҳ низ ба даст омад. Аз ҳамон вақт мо дигар чун ғуломон тобеи вай нестем.

**6,8** Марги мо *бо Масеҳ* танҳо як тарафи корро нишон медиҳад. Тарафи дигари он ин аст, ки мо ҳамчунин *бо Ӯ зиндагӣ низ мекунем*. Мо барои гуноҳ мурдем ва барои росткорӣ зиндагӣ мекунем. Мо аз ҳукмронии гуноҳ дар ҳаёти мо озод шудем ва аллакай дар ҳамин ҷо

ва ҳозир шарики ҳаёти Масеҳи зиндашуда ҳастем. Ва, шукри Худованд, мо ин ҳаётро ҷовидона соҳиб мешавем!

**6,9** Боварии мо дар донистани он асос ёфтааст, ки Масеҳи зиндашуда дигар маргро намебинад. Марг дигар *бар Ӯ ҳукмронӣ намекунад.* Марг Ӯро се рӯзу ду шаб соҳиб буд, лекин ин ҳукм ҷовидона ба гузашта рафт. Масеҳ дигар намемирад!

**6,10** Вақте Худованд Исо *мурд,* вай барои ҳамаи он чи бо *гуноҳ* вобаста аст, *мурд.* Ӯ барои талаботи гуноҳ, ба хотири ҷазо барои гуноҳ, барои натиҷаҳои он мурд. Ӯ кори Худро иҷро кард ва ин масъаларо пурра ва қатъиян ҳал кард. Ва акнун Ӯ *зинда аст, барои Худо зинда аст.* Ба як маънӣ Ӯ ҳама вақт барои Худо мезист, лекин ҳозир Ӯ дар муносибатҳои тамоман нав бо Худо *зинда аст,* чун Зиндашуда, ки дар он ҷоест, ки ба гуноҳ роҳ нест.

Пеш аз он ки ба оятҳои дигар гузарем, биёед боз як бор даҳ ояти аввалро бинем. Мавзуи асосии онҳо муқаддасшавист, яъне Худо ҳаёти одамро чӣ хел ба муқаддасӣ табдил медиҳад. Аз нуқтаи назари мавқеи мо дар назди Худо, мо дар Масеҳ барои гуноҳ мурдем ва бо Ӯ зинда шудем. Ин дар таъмиди мо акс ёфтааст. Марги мо дар Масеҳ ҳаёти моро дар Одам хотима дод. Худо одами кӯҳнаи моро на ба дигаргуншавӣ, балки ба марг маҳкум кард. Ва ин ҳукм дар Ҷолҷолто иҷро шуда буд, ҳангоме ки мо бо Масеҳ мурдем. Ва акнун мо бо Масеҳ зинда шудем, то дар ҳаёти нав қадамгузор шавем. Зулми гуноҳ сарнагун гардид, зеро гуноҳ бар мурдагон ҳукмрон нест. Акнун мо озодем, то ки барои Худо зиндагӣ кунем.

**6,11** То ин дам Павлус оид ба мавқеи мо сухан меронд, акнун бошад вай ба таъсири амалии ин ҳақиқат дар ҳаётамон мегузарад. Мо бояд *худро нисбат ба гуноҳ мурда,* аммо *барои Худо дар Худованди мо Масеҳ Исо зинда ҳисоб кунем.*

Маънои ҲИСОБИДАН қабули он чи Худо оид ба мо мегӯяд, ва зистан дар нури ҳамин фаҳмиш мебошад. Рут Паксон менависад:

*[Ин яъне] бовар кардан ба он чизест, ки Худованд дар Румиён 6,6 гуфтааст, ва инро чун факте ҳисобидан аст, ки ҳангоми наҷотдиҳии одам содир шудааст. Ин қадами муайяни имонро талаб мекунад, ки ба муносибатҳои мувофиқ ба одами кӯҳна меоварад. Он гоҳ мо ӯро дар ҳамон ҷое мебинем, ки Худо ӯро мебинад, дар салиб мехкӯбшуда, бо Масеҳ мурда. Ва аз он вақт имон барои нигоҳ доштани вай дар он ҷое ки вай аз рӯи марҳамати Худо ҷойгир шуда буд, кӯмак мекунад. Натиҷаи ин – табаддулотҳои чуқури дохилӣ мешаванд, зеро худи дили мо бояд ба Худо имкон диҳад, то дар мо ин «ман»-и кӯҳнаро чун чизе ки сазовори зистан нест ва аз ҳамаи ҳуқуқҳои соҳиби мо будан маҳрум шудааст, маҳкум кунад. Қадами якум ба муқаддасии амалӣ айнан ана ҳамин мехкӯбшуда эътироф намудани одами кӯҳна мебошад.*[16]

Мо *худро барои гуноҳ кардан мурда ҳисоб мекунем,* ҳангоме ба васвасаҳои гуногун чунон эътино мекунем, ки мурда эътино мекунад. Боре дар кӯча ба Августин зане часпид, ки то имондор шудани вай маъшуқааш буд. Ҳангоме ки вай рӯй тофта худро дур кашид, зан аз қафояш фарёд зад: «Охир ин манам, Августин, ин манам!» Тезтар қадам гузошта, вай аз паси китф ба вай нидо кард: «Ҳа, ман медонам, аммо ин дигар ман нестам!»[17] Ин суханҳоро гуфта, вай дар назар дошт, ки *нисбат ба гуноҳ мурдааст* ва акнун танҳо *барои Худо зиндагӣ мекунад.* Мурда ба фаҳш, дурӯғ, найранг, ғайбат ва ҳама гуноҳҳои боқимонда дода шуда наметавонад.

Акнун мо *барои Худо дар Исои Масеҳ* зиндаем. Ин чунин маъно дорад, ки акнун мо ба муқаддасӣ, парастиш, хизматгузорӣ, дуо ва ҳаёти пурсамар даъват шудаем.

**6,12** Дар ояти шашум мо хондем, ки одами кӯҳнаи мо маслуб шуда буд, то ки ҳукми гуноҳ вайрон карда шавад, то ки мо дигар ғуломҳои нотавони вай набошем. Дертар даъват ба корҳои амалӣ меояд, ки дар фаҳмиши мартабаи нави мо асос ёфтааст. Мо набояд ба гуноҳ иҷозат диҳем, ки дар *ҷисми мирандаи* мо хоҳишҳои бешармонаро бедор карда, *подшоҳӣ* кунад. Дар Ҷолҷолто ҳукми гуноҳ ба воситаи марг қатъ гардида буд. Акнун бошад мо бояд зуҳуроти онро амалан бартараф кунем. Дар ин ҷо иштироки шахсии мо зарур аст. Албатта, фақат Худо метавонад моро муқаддас гардонад, лекин мо бояд инро хоҳем.

**6,13** Мо ба калимаи сеюми маркази ин боб мегузарем – ВОГУЗОР НАМУДАН. Мо набояд *узвҳои* худро *ба гуноҳ* супорем, то ки онҳо чун *асбоби бадкирдорӣ* хизмат кунанд. Мо бояд идоракунии узвҳои хешро *ба Худо* супорем, ва Ӯ онҳоро барои росткорӣ истифода

мебарад. Охир, мо аз марг ба ҳаёт зинда карда шудаем, ва чунон ки дар Румиён 6,4 гуфта шудааст, мо бояд дар ҳаёти нав қадамгузор шавем.

**6,14** Ин ҷо боз як сабаб оварда мешавад, ки чаро *гуноҳ набояд* бар имондорон ҳукмронӣ кунад. Сабаби якум – одами кӯҳнаи мо бо Масеҳ маслуб карда шудааст (6,6). Сабаби дуюм дар он аст, ки мо аллакай *зери шариат не, балки зери файз* ҳастем.

Гуноҳ дасти худро бар ҳамаи ононе гузошт, ки зери шариатанд. Чаро? Чунки шариат ба одам мегӯяд, ки чӣ кор кардан зарур аст, аммо дар баробари ин ягон хел қувват барои ба ҷо овардани он намедиҳад. Зиёда аз он, шариат дар табиати гуноҳолуди одам хоҳишҳои бешармонаи содир кардани он чизеро, ки кардан мумкин нест, бедор мекунад. Чунон ки мегӯянд, меваи мамнуъ ширин аст.

Аммо *гуноҳ* бар ононе ки зери файз ҳастанд, ҳукм надорад. Имондор барои гуноҳ мурдааст. Ӯ Рӯҳулқудсро қабул кардааст, ки барои дар покӣ зистан қувват медиҳад. Водоркунандаи ӯ на тарси ҷазо, балки муҳаббат ба Наҷотдиҳанда аст. Танҳо *файз* метавонад ҳақиқатан покшавиро ба вуҷуд оварад. Чунон ки Деннӣ менависад, *«аз гуноҳ на манъ кардан, балки илҳоми Рӯҳи Худо озод мекунад; ва муқаддасиро на кӯҳи Сино медиҳад, балки теппаи Ҷолҷолто»*.[18]

**6,15** Ононе ки аз *файз* метарсанд, мегӯянд, ки вай ба одамон имкон медиҳад гуноҳ кунанд. Павлус ин масъаларо ҳал карданӣ шуда, худаш ин саволро медиҳад, ва пас ҷавоби аниқи манфӣ медиҳад. Мо аз шариат озодем, вале бе шариат нестем. *Файз* ба мо имкон медиҳад ба Худо хизмат кунем, на ин ки бар зидди Ӯ гуноҳ кунем.

Дар 6,1 савол дода шуда буд: «Оё дар гуноҳ бимонем?» Ин ҷо савол андаке дигар хел садо медиҳад: «Оё мо ақаллан кам-кам гуноҳ мекарда бошем?» Дар ҳар ду ҳолат ҷавоби аниқ ин аст: «Ҳеҷ гоҳ!» Худо бо ягон хел гуноҳ созиш намекунад.

**6,16** Павлус мисоли одии ҳаётиро меорад: агар мо ба ягон кас чун ба ҳоким тобеъ шавем, он гоҳ бо ин роҳ ғуломи вай мешавем. Худи ҳамин хел, агар мо ба гуноҳ фурӯхта шавем, *бандаи* гуноҳ мешавем, ва он гоҳ дар охири роҳ моро *марги* ногузир мунтазир аст. Аз тарафи дигар, агар мо қарор диҳем, ки ба Худо тобеъ шавем, натиҷаи он зиндагии росткорона мешавад. Ғуломҳои гуноҳ бо ҳиссиёти айб, тарс ва ноумедӣ баста шудаанд, вале бандаҳои Худо озоданд чунон ки ба онҳо табиати нави онҳо амр медиҳад, рафтор кунанд. Ҳамин тариқ, чаро ғулом бошем, агар озод будан мумкин бошад?

**6,17** Ҷ. Б. Филлипс ин оятро чунин ифода кардааст: *«Худоро шукр, ки шумо, агарчи замоне ғуломҳои гуноҳ будед, аз сидқи дил ба даъвати таълимоти Масеҳ ҷавоб дода, ихтиёран ба таъсири ӯ дода шудед»*. Масеҳиёни Рум комилан ва пурра худро ба итоати Хушхабар оид ба файзи Худо супориданд, ҳамроҳи он *таълимоте* ки Павлус дар ин нома баён мекунад.

**6,18** Таълимоти дуруст бояд боиси дуруст фаҳмидани уҳдадорӣ гардад. Ба шарофати *аз гуноҳ озод шудан* мо *бандагони росткорӣ гардидаем.* Калимаҳои *«аз гуноҳ озод шуда»* на дигар вуҷуд надоштани табиати кӯҳна, балки халос шудан аз таъсири табиати гуноҳолуд ва хотимаи корҳои пургуноҳро ифода мекунанд. Аз матн аён аст, ки ин оят хотимаи ҳукми пурраи гуноҳро дар ҳаёти имондор дар назар дорад.

**6,19** Дар ояти пешина расул оид ба бандагони росткорӣ менависад, лекин дар баробари ин, албатта, мефаҳмад, ки одамони росткорона мезиста ҳақиқатан бо ҳеҷ чиз побанд нестанд. «Росткории амалӣ ғуломӣ нест, агар мо оид ба он фақат аз нуқтаи назари одамӣ фикр накунем».[19] Ба гуноҳ додашудагон дар ҳақиқат ғуломҳои гуноҳанд, аммо ононе ки Писар озодашон кард, ҳақиқатан озоданд (Юҳ. 8,34.36).

Павлус мефаҳмонад, ки муносибатҳои байни ғулом ва хоҷаро мисол оварда, вай аз рӯи *муҳокимаронии одамӣ* сухан меронад, яъне ба мисоли шинос аз ҳаёти ҳаррӯза такя мекунад. Вай ин муқоисаро ба *хотири нотавонии ҷисми* онҳо меорад, бо ибораи дигар, аз сабаби мушкилоти маънавӣ ва рӯҳонӣ дар фаҳмидани ин гуна ҳақиқат. Таълимотро баъзан як навъ бо мисолҳо фаҳмондан лозим меояд, то ки вай боз ҳам фаҳмотар бошад.

То бозгашт намудан имондорон ҷисми худро ба ғуломии ҳар гуна *нопокӣ* ва аз як *бадкорӣ* ба дигараш месупурданд. Акнун бошад онҳо худи ҳамон танҳояшонро *ба бандагии росткорӣ* бахшиданд, то ки ҳаёти онҳо дар ҳақиқат ба покӣ мувофиқ бошад.

**6,20** *Вақте* онҳо *бандагони гуноҳ буданд,* озодии ягонае ки онҳо доштанд, озодӣ *аз росткорӣ* буд. Чӣ гуна вазъияти мудҳиш, ноумедона аст ба ҳама чизи бад тобеъ будан ва маҳрум будан аз ҳама чизи нек!

**6,21** Павлус ба онҳо (ва ба мо низ) маслиҳат медиҳад рӯйхати ҳамаи он самарҳоеро тартиб диҳанд, ки онҳо дар ҳаёти наҷотнаёфтаашон доштанд, самарҳои он амалҳоеро, ки имондорон аз онҳо *акнун* рӯйрост *шарм медоранд.* Маркус Рейнсфорд накшаи тахминии ин гуна рӯйхатро тартиб додааст:

1. *Суиистеъмоли қобилиятҳои худ.*
2. *Поймол кардани эҳсосот.*
3. *Беҳуда гузаронидани вақт.*
4. *Суиистеъмоли қудрат.*
5. *Фиреб додани дӯстони хуб.*
6. *Нопок кардани орзуҳои неки худ.*
7. *Масхара кардани муҳаббат, хусусан муҳаббати Худо.*

*Ва агар ҳамаи инро як кунем, он гоҳ натиҷаи он танҳо «ШАРМ» мешавад.*[20]

Анҷоми онҳо марг аст. *«Ҳар як гуноҳ ба марг мебарад, ва агар тамом нашавад, дар охир назди он меояд назди ҳадаф ва мукофоти худ»* – менависад А. Т. Пиерсон.[21]

**6,22** Бозгашт намудан вазъи касро пурра дигаргун мекунад. Вай аз ҳукми *гуноҳ* озод мешавад ва бандаи ихтиёрии *Худо* мешавад.

Ва натиҷаи ин зиндагии росткорона аст, ки *анҷоми* он *ҳаёти абадӣ* мешавад. Албатта, имондорон аллакай ҳаёти абадӣ доранд, лекин ин оят оид ба маъноси томи *ҳаёти* фаровоне ки он ҷисми нави ҷалолёфтаро дар бар мегирад, сухан меронад.

**6,23** Ҳамин тариқ, расул ҷамъи муқобилгузориҳоро нишон дода, хулоса мекунад:

Ду ҳоким – *гуноҳ* ва *Худо.*

Ду тариқ – музд ва бахшоиш.

Ду натиҷа –марг ва ҳаёти абадӣ.

Диққат диҳед, ки ҳаёти абадӣ дар Шахсияти *Исои Масеҳ, Худованди мо* нуҳуфта аст. Онҳое ки дар *Масеҳ ҳастанд, ҳаёти абадӣ доранд.* Ва ин ҳамин хел осон аст!

### Ж. Ҷои шариат дар ҳаёти имондор (Б. 7)

Акнун расул ба саволе мегузарад, ки бояд ҳатман ба миён меомад: масеҳиён ба шариат бояд чӣ хел муносибат кунанд? Эҳтимол, ба ин савол ҷавоб дода, Павлус фикран ба яҳудиёни имондор муроҷиат мекард, зеро шариати мушаххас ба Исроил дода шуда буд, аммо принсипҳои умумии ин боб ба ҳамаи ғайрияҳудиён низ дахл доранд, ки барғалат мекӯшанд аз рӯи шариат зиндагӣ кунанд, ҳол он ки аллакай аз рӯи имон сафед карда шудаанд.

Дар боби шашум мо дидем, ки чӣ хел марг ҳукми табиати гуноҳолудро дар ҳаёти фарзанди Худо барҳам дод. Дар ин ҷо мо мебинем, ки марг ҳукми шариатро низ бар онҳое ки зери он буданд, бекор мекунад.

**7,1** Ин оят бо боби 6,14 робита дорад: *«Чунки на зери шариат, балки зери файз ҳастед».* Ва вобастагӣ дар ин аст: «Шумо бояд донед, ки тобеи шариат нестед ё шумо намефаҳмед, *ки шариат бар одамизод* танҳо то он даме ки вай *зинда* аст, *ҳукмронӣ мекунад?»* Павлус ба онҳое муроҷиат мекунад, ки бо присипҳои асосии шариат шиносанд ва, мутобиқ ба он, мефаҳманд, ки *шариат* ба мурдагон паҳн намешавад.

**7,2** Барои фаҳмондани ин ақида Павлус онро мисол меорад, ки чӣ хел марг ақди никоҳро вайрон мекунад. *Зан* аз рӯи *шариат* танҳо бо шавҳари *зинда* вобаста аст, лекин агар *шавҳараш бимирад,* он гоҳ вай аз ин *шариат озод мешавад.*

**7,3** *Агар* зан ҳангоми зинда будани шавҳараш ба дигар кас ба шавҳар барояд, дар зинокорӣ айбдор мешавад. Аммо *агар шавҳари вай бимирад,* вай *озод мешавад,* ки бидуни ягон хел гуноҳ боз шавҳар кунад.

**7,4** Ин мисолро баррасӣ карда, мо набояд бикӯшем, ки дар ҷузъиёти он мувофиқатҳои таҳтуллафзиро ёбем. Мисол: на шавҳар, на зан дар дар ин ҷо шариатро ифода намекунанд. Мақсади мисол нишон додани он аст, ки чуноне ки марг риштаҳои никоҳро меканад, ҳамин гуна марги имондор бо Масеҳ тобеияти ӯро ба шариат барҳам медиҳад.

Диққат кунед, Павлус наменависад, ки шариат мемирад. Шариат боқӣ мемонад ва барои ошкор кардани гуноҳ хизмат мекунад. Ҳамчунин лозим аст, ки зери калимаи «мо» вай онҳоеро дар назар дорад, ки то ба Масеҳ бозгашт намуданашон яҳудӣ буданд.

Мо *ба воситаи бадани Масеҳ нисбат ба шариат ба марг супурда шудем,* яъне ба шарофати он ки *бадани* Ӯ ба марг дода шуд. Мо дигар бо *шариат* пайваст нестем; мо акнун бо

Масеҳи зиндашуда пайваст ҳастем. Иттиҳоди мо аз тарафи марг барҳам дода шуд, ва акнун мо ба иттиҳоди нав дохил шудем. Ва аз ҳамон вақте ки аз *шариат* озод шудем, мо метавонем *ба Худо самаре* орем.

**7,5** Суханҳо оид ба меваҳо ба мо боз онро ёдрас мекунанд, ки ҳангоме ки *дар ҷисм будем,* чӣ гуна самар меовардем. Ибораи *«дар ҷисм»,* албатта, «дар бадан»-ро ифода намекунад. Ҷисм ин ҷо мақоми моро пеши Худо то имон овардан ифода мекунад. Он вақт ҷисм асоси муносибатҳои моро ба Худо ташкил медод. Мо пурра ба он вобаста будем, ки дар ҳақиқат кистем ва барои дастрас кардани ризомандии Худо чӣ мекунем. Зиндагӣ *ба ҳасби ҷисм* ба зиндагӣ дар Масеҳ муқобил аст.

То имондор шудан моро *ҳавасҳои гуноҳҳо* идора мекарданд, *ки ба воситаи шариат барангехта мешуданд.* Шариат сабаби пайдоиши онҳо набуд, лекин маҳз аз он сабаб ки шариат онҳоро номбар ва манъ мекард, дар одамон хоҳиши сахти содир кардани онҳо ба вуҷуд омад.

Ин *ҳавасҳои гуноҳҳо* роҳи баромади худро дар бадани мо меёфтанд, ва замоне ки мо ба васвасаи онҳо дода мешудем, натиҷааш меваи заҳролуд буд, ки *маргро* меоварад. Дар Ғалотиён 5,19-21 Павлус оид ба ин мева ҳамчун амалҳои ҷисм менависад: «зино, фосиқӣ, нопокӣ, бадахлоқӣ, бутпарастӣ, ҷодугарӣ, душманӣ, ҷанҷол, рашк, хашм, худхоҳӣ, ихтилофот, фирқаҳо, ҳасад, одамкушӣ, бадмастӣ, айшу ишрат».

**7,6** Дар байни он тағйиротҳои олидараҷа, ки ҳангоми имондор шудан бо мо рух медиҳанд, *аз шариат* озод шудани мо низ ҳаст. Ин чун натиҷаи он рӯй медиҳад, ки мо бо Масеҳ мурдем. Азбаски Ӯ ҳамчун Намояндаи мо мурд, мо якҷоя бо Ӯ мурдем. Бо марги Худ Ӯ тамоми талаботи шариатро иҷро кард ва ҷазои мудҳиши муқарраркардаи онро дид. Ҳамин тавр, мо аз шариат ва аз лаънати ногузир озод шудем. Ва ду ҷазо буда наметавонанд.

*Худо дубора музд наметалабад –*
*Аввал аз дастони хуншоршудаи Ҳимоятгари ман,*
*Пас аз он бори дигар аз дастони ман.*

Огаст М. Топледӣ

Акнун мо озод карда шудем, то ки ба Худо *бо Рӯҳи нав бандагӣ намоем, на бо ҳарфи кӯҳна.* Хизматгузории мо дар муҳаббат асос ёфтааст, на дар тарс; ин хизматгузории озодӣ аст, на маҷбуркунӣ. Вай на дар кӯшиши ғуломонаи дақиқ иҷро кардани оину маросимҳо зоҳир мешавад, балки дар фидокории хушнудона барои ҷалол додани Худо ва хизмат ба дигарон.

**7,7** Фикре ба вуҷуд омада метавонад, ки Павлус гӯё ки шариатро танқид мекунад. Вай навиштааст, ки имондорон барои гуноҳ ва шариат мурдаанд, ва ин метавонист ба ақидае орад, ки шариат бадӣ аст. Лекин ин тамоман ин тавр нест.

Дар 7,7-13 Павлус он нақши муҳимеро тасвир мекунад, ки шариат дар ҳаёти шахсии вай то ҳангоми наҷот ёфтанаш бозидааст. Вай зикр мекунад, ки худ аз худ шариат гуноҳолуд нест, лекин гуноҳро дар одам фош мекунад. Маҳз шариат ба Павлус тамоман вайрон будани қалби вайро нишон дод. Худро бо атрофиён муқоиса карда, вай нисбати худ эҳтироми зиёдро ҳис мекард. Аммо ҳангоме ки талаботи шариати Худо дар вай амали ошкорсозиро шурӯъ карданд, Павлус хомӯш шуд ва гуноҳолуд будани худро дарк намуд.

Фармудаи даҳум ба вай таъсири махсусе гузошт: *«тамаъ накун».* Хоҳишҳои ҳасадхӯрона дар шуури одам ба вуҷуд меоянд. Ва гарчанд Павлус ягон хел гуноҳҳои вазнинтар, нафратангезтарро содир накардааст, бо вуҷуди ин вай фаҳмид, ки зиндагии фикриаш гуноҳолуд аст. Вай фаҳмид, ки афкори бад ба ҳамон дараҷае гуноҳолуданд, ки рафтори бад чунинанд. Ҳаёти вай бо ниятҳои нопок заҳролуд шуда буд. Зоҳиран Павлус метавонист бенуқсон тобад, лекин аз дарун ҳаёти ӯ пур аз даҳшатҳо буд.

**7,8** *Гуноҳ, аз фармуда фурсат ёфта, дар ман ҳар гуна тамаъро ба вуҷуд овард.* Дар ин ҷо *тамаъ* маҳз тамаи бахилона ва ҳасадхӯронаро ифода мекунад. Ҳангоме ки шариат ҳар гуна хоҳишҳои нопокро манъ мекунад, табиати вайрони одам боз ҳам сахттар ба онҳо майл мекунад. Мисол, ин қонун чунин тобиш дорад: «Шумо набояд дар хаёли худ саҳнаҳои гуногуни ба қонеъ намудани майли шаҳвонӣ алоқамандро бедор намоед. Шумо набояд дар олами хаёлоти шаҳвонӣ зиндагӣ кунед». Ин қонун бо афкори нопок, паст ва бешармона зистанро манъ мекунад. Лекин, мутаассифона, он қувват намедиҳад, ки ин гуноҳ бартараф карда шавад. Ва дар натиҷа одамоне ки зери шариатанд, боз ҳам бештар ба олами ношоистаи

шаҳвонӣ ҷалб мешаванд. Ва онҳо мефаҳманд, ки агар амал мамнуъ бошад, табиати гуноҳолуди одам боз ҳам сахттар водор мекунад, ки онро содир кунад. «Оби дуздӣ ширин аст, ва нони рустӣ лазиз аст» (Мас. 9,17).

*Бе шариат гуноҳ* нисбатан *мурда аст.* Ботини гуноҳолуди одам ба саги хобида монанд аст. Ҳангоме ки шариат пайдо мешавад ва «Мумкин нест!» мегӯяд, саг бедор мешавад, бо хашм мехезад ва бо як бехудӣ содир карданни ҳама чизи манъшударо сар мекунад.

**7,9** То он даме ки шариат Павлусро фош кард, вай *зиндагӣ мекард,* яъне вуҷуди гуноҳолуди вай нисбатан беамал буд ва вай хушбахт ва бехабар аз он буд, ки чӣ андоза нуқсони зиёд дар дили вай ниҳон аст.

*Аммо вақте ки ҳукми шариат ба майдон омад,* яъне ҳангоме ки қувваи ошкоркунандаи фармон зоҳир шуд, табиати гуноҳолуди вай афрӯхт. Ҳар қадар бисёртар вай мекӯшид, ки итоаткор шавад, ҳамон қадар ӯро нокомӣ фаро мегирифт. Ва дар ӯ ҳар гуна умеди бо қувваи худ ба наҷот ноил гаштан *мурд.* Вай барои ҳар гуна фикр оид ба некӯ будани худ *мурд.* Вай барои ҳар гуна орзу оид ба сафедшавӣ аз рӯи шариат *мурд.*

**7,10** Вай фаҳмид, ки *фармудае ки барои ҳаёт дода шуда буд,* дар асл вайро *ба марг* овард. Лекин фармуда чӣ гуна метавонад *барои ҳаёт дода шуда* бошад? Биёед ба Ибодат 18,5 муроҷиат мекунем, ки дар он ҷо Худо мегӯяд: «Ва фароизу дастурҳои Маро риоя намоед, ки одам онҳоро ба амал оварда бо онҳо зинда хоҳад буд. Ман Худованд ҳастам». Дар *асл* шариат зиндагиро ба касе ваъда медиҳад, ки онро риоя мекунад. Лавҳа дар панҷараи шер мегӯяд: «Аз панҷара дур бошед!» Агар ба ин нишондод итоат кунем, он ҳаёт медиҳад. Вале агар кӯдаки гапнодаро, бар хилофи ин навиштаҷот, барои сила кардани шер аз монеа гузарад, ин боиси марг мегардад.

**7,11** Боз Павлус далел меорад, ки худ аз худ шариат дар ҳеҷ чиз гуноҳкор нест. Вайро ба шикастани шариат *гуноҳ, ки* дар дохилаш зиндагӣ мекунад, тела медод. Ин гуноҳ дар вай ақидаеро пайдо кард, ки гӯё меваи мамнуъ, охир, на он қадар ҳам бад аст ва вай хушбахтӣ ва шодӣ меорад ва оид ба ин фикр кардан зарур нест. Гуноҳ тахминеро изҳор кард, ки Худо баъзе дилхушиҳои барои вай муқарраршударо пинҳон мекунад. Ва ҳамин тариқ гуноҳ ӯро ба он маъно *кушт,* ки тамоми умедҳои вайро барои соҳиб шудан, ё сазовор шудан ба наҷот ба марг маҳкум кард.

**7,12** *Шариат* худ аз худ *муқаддас аст,* ва ҳар як *фармуда муқаддас, одилона ва нек аст.* Мо бояд доимо дар хотир дошта бошем, ки шариат ягон чизи бад надорад. Вай аз тарафи Худо дода шуда буд ва ифодаи комили хости Ӯ барои халқи Ӯст. Сустии шариат аз «бесифатии ашёи хом» ба вуҷуд меояд, шариат ба касоне дода шудааст, ки аллакай гуноҳкорони ҳалокшуда буданд. Шариат барои он зарур буд, ки ба онҳо гуноҳолудиашонро нишон диҳад, лекин дар баробари ин онҳо ҳамоно муҳтоҷ ба Наҷотдиҳанда буданд, ки метавонист онҳоро аз ҷазо ва ҳукми гуноҳ раҳо диҳад.

**7,13** Ин ҷо зери калимаи *«нек»* шариат дар назар дошта шудааст, ки аз ояти пешина бармеояд. Ҳамин гуна, Павлус савол мегузорад: «Наход шариат барои ман *марг* меоварда бошад?» Яъне магар шариат айбдор аст, ки Павлусро (ва ҳамаи моро) ба марг маҳкум мекунад? Ва ҷавоб чунин мешавад: *«Ҳеҷ гоҳ!»* На шариат гуноҳкор аст, балки гуноҳ. Шариат манбаи гуноҳ набуд, лекин он гуноҳро дар тамоми симои даҳшатнокаш ошкор кард. «... зеро ки гуноҳ ба воситаи шариат диниста мешавад» (Рум. 3,20). Лекин ин ҳам ҳоло на ҳама чиз аст! Табиати гуноҳолуди одам чӣ хел амал мекунад, ҳангоме ки шариати муқаддаси Худо ягон чизро манъ мекунад? Ҷавоб аллакай ба мо маълум аст. Он чизе ки хоҳиши суст буд, ба шавқи пурхурӯш мубаддал мегардад. Ҳамин хел, *бадии беандозаи гуноҳ ба воситаи фармуда маълум мегардад.*

Чунин метобад, ки дар ин ҷо зиддияте бо ояти 10 ҳаст. Дар он ҷо Павлус навишта буд, ки шариат марг меорад, дар ин оят бошад инкор мекунад, ки шариат барои ӯ марговар шуд. Ҳалли масъала дар ин аст: шариат худ аз худ вуҷуди гуноҳолудро на ислоҳ карда метавонад, на ба гуноҳ водор карда метавонад. Он танҳо метавонад чун муайянкунандаи гуноҳ хизмат кунад, мисли он ки ҳароратсанҷ табро муайян мекунад. Лекин он наметавонад ба гуноҳ, чун термостат, ки режими ҳароратро идора мекунад, таъсир намояд.

Вазъият чунин аст, ки ҳастии гуноҳолуди одам табиатан ба ҳама чизи мамнуъ майл дорад. Он аз шариат истифода мебарад, то дар гуноҳкор шаҳватҳои хобидаашро аланга

диҳад. Ва ҳар қадаре ки вай бисёртар мекӯшад, кораш ҳамон қадар бадтар мебарояд, то даме ки дар вай фақат ноумедӣ боқӣ мемонад. Ҳамин тавр гуноҳ шариатро истифода бурда, дар одам ҳама гуна умедро баислоҳшавӣ аз байн мебарад. Он гоҳ вай гуноҳолудии беинтиҳои «ман»-и худро нисбат ба давраҳои гузашта равшантар мебинад.

**7,14** То ин оят расул аз тарҷумаи холи худ вазъияти фавқулодаеро – буҳрони зиндагияшро тасвир мекард, ҳангоме ки вай, ба шарофати шариат, гуноҳолудии хешро дарк намуд.

Дар ин ҷо вай ба замони ҳозира мегузарад, то эҳсосоти худро пас аз зодашавӣ аз олами боло тасвир кунад: мухолифати дохилии табиати нав ва кӯҳнаро ва ғайриимкон будани бо қувваи худ аз гуноҳи дар худ сокиншуда озод шуданро. Павлус эътироф мекунад, ки *шариат рӯҳонӣ мебошад,* яъне дар худ муқаддас аст ва барои нафъи рӯҳонии инсон муқаррар шудааст. Аммо Павлус ҳамчунин мефаҳмад, ки худи вай *нафсонӣ* аст, чунки гуноҳро дар ҳаёти худ мағлуб карда наметавонад. Вай *ба гуноҳ фурӯхта шудааст.* Вай худро ғулом ҳис мекунад, ки ба ҷаноби гуноҳ фурӯхта шудааст.

**7,15** Расул муборизаи дохилии дар ҳаёти имондор рухдиҳандаро тасвир мекунад, ки оид ба якшавии худ бо Масеҳ дар марг ва растохези Ӯ дараке надорад. Ин мубориза байни табиати кӯҳнаву нав дар дили он касе ки муқаддасиро дар кӯҳи Сино меҷӯяд, идома меёбад. Ҳаррӣ Фостер инро чунин мефаҳмонад:

*Ин одаме буд, ки тамоми вуҷудашро ба иҷрои фармудаҳои «муқаддас, одилона ва нек»-и Худо (ояти 12) дода, мекӯшид муқаддасиро бо қувваи худ доро шавад, ва оқибат фаҳмид, ки ҳар қадар сахттар мубориза барад, ҳамон қадар бадтар мешавад. Натиҷаи ин мубориза пешакӣ маълум буд, ва ин аҷиб нест, чунки табиати гуноҳолуди одамӣ наметавонад гуноҳро мағлуб кунад ва дар покӣ зиндагӣ кунад.*[22]

Дар воқеъ, истифодаи ҷонишинҳои шахси якумро дар оятҳои 9 то 25 зикр кардан ҷоиз аст: ман, маро, ба ман, дар ман, барои ман ... Онҳое ки худи ҳамон муаммоҳои дар боби ҳафтуми Нома ба Румиён тасвиршударо эҳсос мекунанд, аз меъёр зиёд витамини «Ман» гирифтаанд. Онҳо аз ҳад зиёд ба худ фурӯ мераванд, то ки манбаи ғалабаро бар гуноҳ дар ҷое ёбанд, ки буданаш имкон ҳам надорад.

Мутаассифона, аксари рӯҳшиносони ҳозираи масеҳӣ ба мизоҷони худ маслиҳат медиҳанд, ки ба худ бештар аҳамият диҳанд ва бо ин амал масъаларо ҳал накарда, танҳо мушкилтар мекунанд. Одамон бояд донанд, ки бо Масеҳ мурдаанд ва зинда шудаанд, то ки дар ҳаёти нав қадамгузор бошанд. Он гоҳ ба ҷои кӯшишҳои ислоҳ кардани ҷисм онҳо онро дар қабри Масеҳ дафн мекунанд.

Ин муборизаи дохилиро тасвир намуда, Павлус мегӯяд: *«Он чи мекунам, намефаҳмам».* Вай чун шахсияти дугона аст. Вай худро ба он чи содир кардан намехоҳад, ҷалбшуда мебинад, ва он чизеро, ки бад мебинад, иҷро мекунад.

**7,16** Вай он амалҳоеро, ки қисми бадаш содир мекунад, маҳкум намуда, дар як тараф бо *шариат* бар зидди худаш меистад, чунки шариат ҳам онҳоро маҳкум мекунад. Ва барои ҳамин ҳам худи вай ба он розӣ мешавад, ки шариат *нек* аст.

**7,17** Мо ба хулосае меоем, ки на одами нав дар Масеҳ, балки табиати кӯҳнаву гуноҳолуде ки дар вай сокин аст, айбдор мебошад. Аммо ин ҷо мо бояд эҳтиёт бошем. Ҳаёти гуноҳолудро бар дӯши *гуноҳи* дар мо мезиста бор карда, онро бахшидан мумкин нест. Мо барои рафтори худ ҷавобгарем, ва ин оят аз сар соқит кардани ҷавобгариро намеомӯзад. Павлус фақат манбаи ҳаёти гуноҳолудро номбар мекунад, на ин ки онро сафед мекунад.

**7,18** То даме ки он чиро, ки Павлус фаҳмидааст, аз худ накунем, дар бораи пешрафт дар муқаддасӣ сухан рафта наметавонад: *«дар ман, яъне дар ҷисми ман, чизи нек сокин нест»* *Ҷисм* ин ҷо табиати бад ва вайроншудаи ӯро дар назар дорад, ки аз Одам мерос мондааст, ва ҳамчунин дар ҳар як имондор боқӣ мемонад. Вай манбаи ҳамаи амалҳои бад аст, ки одам содир мекунад. Дар он ягон чизи нек нест.

Вақте мо инро мефаҳмем, дар «ман»-и кӯҳнаи худ ягон чизи хубро ҷустуҷӯ намекунем. Ин дониш моро аз ноумедӣ нигоҳ медорад, ҳангоме ки мо дар худ ҳеҷ чизи некро намеёбем. Он моро аз фикрҳои доимӣ оид ба худ раҳо медиҳад, чунки дар худтаҳлилкунӣ ғолиб шудан мумкин нест. Як шотландии худотарс, Роберт Мюррей Макчейн, мегуфт, ки

барои як нигоҳ ба худ мо бояд даҳ бор ба Масеҳ нигарем.

Боз як бор ботил будани кӯшишҳои ҷисмиро тасдиқ намуда, расул афсӯс мехӯрад, ки дар вай хоҳиши кори нек кардан бошад ҳам, ягон хел қуввате нест, ки ин хоҳиш амалӣ гардад. Мушкилӣ дар он аст, ки вай мекӯшад лангарро ба дохили киштӣ партояд.

**7,19** Ҳамин тариқ, ихтилофи дохилӣ байни ду табиат меафзояд. Павлус муайян мекунад, ки наметавонад он *кори некеро* кунад, ки вай мехост кунад, балки ба ҷои ин *кори бадеро* содир мекунад, ки аз он нафрат дорад. Вай ғунҷоишгоҳи зиддият ва мухолифатҳо шуд.

**7,20** Мо метавонем ин оятро ин хел ифода кунем: «Модоме ки ман (табиати кӯҳна) *он чиро, ки* ман (табиати нав) *намехоҳам, ба ҷо меоварам,* он гоҳ *акнун* на худи ман (шахс) онро мекунам, *балки гуноҳе ки дар ман сокин аст».* Ва боз бояд зикр кард, ки Павлус зимнан худро сафед намекунад ва ҷавобгарии хешро бекор намекунад. Вай танҳо мегӯяд, ки наметавонад аз ҳукми гуноҳи дар вай мезиста раҳоӣ ёбад ва ҳангоме ки вай гуноҳ мекунад, ин ба хоҳишҳои одами нав мухолифат мекунад.

**7,21** Павлус як принсип ё *қонуни* дар ҳаёташ амалкунандаро муайян мекунад, ки тамоми ниятҳои неки ӯро ба нокомӣ ва мағлубият меорад. Вақте вай мехоҳад ягон кори дуруст кунад, дар натиҷа гуноҳ ҳосил мешавад.

**7,22** Агар оид ба одами нав сухан ронем, вай аз *шариати Худо* шодӣ мекунад. Вай медонад, ки шариат муқаддас аст ва хости Худоро ифода мекунад. Ва вай мехоҳад хости Худоро иҷро кунад.

**7,23** Аммо дар ҳаёти худ ӯ қувваи муқобилаткунандаеро мебинад, ки бо одами дохилӣ рақобат карда, ӯро *асири гуноҳ* мекунад.

Ҷорҷ Каттинг менависад:

*Бо вуҷуди он ки одами дохилӣ аз шариат лаззат мебарад, он ба ӯ ҳеҷ қуввате намедиҳад. Яъне одам мекӯшад он чиро, ки Худо мутлақо ғайриимкон номидааст, ба амал оварад, яъне: ҷисми худро ба шариати муқаддаси Худо тобеъ кардан. Он муайян мекунад, ки ҷисм танҳо оид ба чизи нафсонӣ меандешад ва ҳам ба шариати Худо ва ҳам ба Худи Худо душмани ашаддӣ аст.*[23]

**7,24** Ва ана Павлус нолаи худро дар нидои машҳури самимӣ баланд мекунад. Ин оят чунин садо медиҳад, ки гӯё ба тахтапушти вай часади пӯсидаистода баста шуда бошад. «*Ҷисм*» гуфта, албатта, ин ҷо табиати кӯҳнаи ба маънои томаш вайроншудаи ӯ номида шудааст. Дар ин гуна ҳолати ҳузноовар буда, ӯ эътироф мекунад, ки наметавонад аз ин занҷири таҳқиркунанда ва манфур раҳоӣ ёбад. Ба ӯ ёрӣ аз берун даркор аст.

**7,25** Ҳамду санои хурӯшони дар ин оят садодиҳанда ду маъно дошта метавонад. Эҳтимол, Павлус ба *Худо* барои он *шукр мегӯяд,* ки аз тарафи *Худованди мо Исои Масеҳ* ба вай раҳоӣ дода шуда буд. Аммо ин ҳамчунин метавонад руҷуъ бошад, ки дар он ӯ *ба воситаи* Худованд Исо Худоро шукрона мегӯяд, ки дигар он одами ҳақир аз ояти пешина нест.

Қисми дуюми оят ихтилофи дар боло тасвиршудаи байни ду табиати имондори ҳанӯз раҳоӣ наёфтаро ҷамъбаст мекунад. Имондор бо *ақли* навшудааш, яъне бо табиати нав, ба *шариати Худо* хизмат мекунад, *вале бо ҷисми худ,* яъне бо табиати кӯҳнааш – *ба қонуни гуноҳ.* Оид ба халосӣ аз ин ихтилоф мо танҳо дар боби оянда дарак меёбем.

## З. Рӯҳулқудс – қувва барои зиндагии муқаддас (Б. 8)

Дар ин боб мавзуи зиндагии муқаддас давом дода мешавад. Дар бобҳои 6 ва 7 Павлус аллакай ба ин саволҳо ҷавоб дод: «Оё таълимоти Хушхабар дар бораи он ки наҷот бо файз аз рӯи имон дода мешавад, ба ҳаёти гуноҳолуд роҳ дода ё онро ҳавасманд карда метавонад?» ва «Оё Хушхабар даъват мекунад, ки ба воситаи риояи шариат ба муқаддасшавӣ кӯшиш намоем?» Акнун вай ба ин савол мегузарад: «Чӣ масеҳиро водор мекунад, ки муқаддасона зиндагӣ кунад?»

Дар ин ҷо мо мебинем, ки ҳамаи ҷонишинҳои шахси якуми ба боби гузашта хос ба саҳнаи пас гузаронида мешаванд ва ба ҷои якум Шахсияти Рӯҳулқудс мебароянд. Ин калидест ба фаҳмидани тамоми боб. Ғалаба на бо қувваи мо, балки ба қувваи Рӯҳулқудси дар мо мезиста дастрас мешавад. Дар асоси матни ин боб А. Ҷ. Гордон рӯйхате иборат аз ҳафт банд тартиб дод, ки дар он амалҳои Рӯҳулқудсро номбар мекунад, ки Ӯ: моро барои хизматгузорӣ озод мекунад (ояти 2);

барои хизматгузорӣ қувват мебахшад (ояти 11); ғалабаро бар гуноҳ медиҳад (ояти 13); дар хизмат роҳнамоӣ мекунад (ояти 14); оид ба писархондкунӣ шаҳодат медиҳад (ояти 16); дар хизматгузорӣ дастгирӣ мекунад (ояти 26); дар дуо кӯмак мекунад (ояти 26).

**8,1** Расул аз водии ноумедӣ ва мағлубият ба қуллаҳои ғалаба мебарояд ва хурсандона хитоб мекунад: *«Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Масеҳ Исо ҳастанд»* Ин калимаҳо ду маъно доранд.

Якум, Худо дигар моро барои гуноҳҳоямон айбдор намекунад, зеро мо дар Масеҳ ҳастем. Дар Одам буда, мо зери лаънат будем, аммо акнун, азбаски Масеҳ аз айбдоршавӣ озод аст, мо низ дар Ӯ ин озодиро дорем. Бинобар ин мо метавонем чунин бигӯем:

*Ба назди Наҷотдиҳандаи Қуддуси ман оед,*
*Ӯро аз нуқтаи назари Худо тадқиқ намоед,*
*Ва агар дар Исо ҳатто як доғе ёбед,*
*Метавонед маро низ нопок ҳисобед.*

В. Н. Томкинс

Ҳамчунин ин калимаҳо маънои онро доранд, ки акнун одам аз худмаҳкумкунӣ, ки дар боби ҳафтум тасвир шудааст, озод шуд. Аввал мо аз таассуротҳои мудҳише ки дар он боб тасвир шудаанд, мегузарем, то фаҳмем, ки бо қувваи худ талаботи шариатро иҷро карда наметавонем, аммо дар ин бознамеистем. Дар ояти оянда гуфта мешавад, ки чаро акнун ин *маҳкумият*[24] нест.

**8,2** Қонуни рӯҳонии *ҳаёт дар Исои Масеҳ* моро *аз қонуни гуноҳ ва марг озод кардааст.* Ин ду қонун, ё принсип, аслан ба ҳам мухолифанд. Принсипи асосии Рӯҳулқудс барои зиндагии муқаддаси имондорон қувват додан аст. Принсипи гуноҳи дар одам мезиста аз он иборат аст, ки ӯро ба марг оварад. Ин ба қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ монанд аст. Ҳангоме ки мо тӯбчаро ба ҳаво мепартоем, он ба замин меафтад, зеро нисбат ба ҳавои фишурда баровардааш вазни зиёдтар дорад.

Лекин агар мо парандаи зиндаро ба ҳаво партоем, он гоҳ вай, гарчанде аз ҳаво вазнинтар аст, ба боло парида меравад. Қонуни зиндагии паранда қонуни ҷозибаро мағлуб мекунад. Худи ҳамин хел Рӯҳулқудс ба мо ҳаёти Худованд Исои Масеҳро дода, имондоронро *аз қонуни гуноҳ ва марг* озод менамояд.

**8,3** Шариат ба одамон имкони иҷро кардани талаботи муқаддаси онро дода наметавонист, аммо дар ҷое ки шариат натавонист, файз ғолиб шуд. Чӣ тавр? Биёед бубинем!

*Шариат* дар росткор намудани мо *ноилоҷ монда буд,* чунки *ҷисм* онро суст карда буд, ва мушкилӣ дар шариат набуд, балки дар табиати гуноҳолуди одам. Шариат ба одамони аллакай гуноҳкоршуда дода шуда буд, ки halметавонистанд ба он тобеъ шаванд. Вале дар ин ҷо Худо мудохила кард ва *Писари Худро ба сурати ҷисми пургуноҳ фиристод.* Бубинед, ки Худованд Исо на ҷисми гуноҳолудро, балки сурати онро қабул кард. Ӯ гуноҳе накардааст (1Пет. 2,22), Ӯ аз гуноҳ бехабар буд (2Қур. 5,21), ва дар Ӯ гуноҳе набуд (1Юҳ. 3,5). Ҳангоме ки Масеҳ дар сурати одам ба замин омад, ба одамони гуноҳкор монанд буд. Лекин, Қурбонии бегуноҳ шуда, Ӯ гуноҳро дар *ҷисм маҳкум кард.* Исо на танҳо барои гуноҳҳои содиркардаи мо (1Пет. 3,18), балки барои табиати гуноҳолуди мо низ мурд. Бо ибораи дигар, чунон ки Ӯ барои он чи мо мекунем, товон дод, Ӯ барои он ки мо кӣ ҳастем, низ товон дод, ва бо худи ҳамин *гуноҳро дар ҷисм маҳкум кард.* Моҳияти гуноҳолуди мо сазовори ягон хел омурзиш нест, чунки он *маҳкум шудааст.* Танҳо амалҳои гуноҳолуди содиркардаи мо бахшида мешаванд.

**8,4** Ва акнун *фармудаҳои одилонаи шариат дар мо, ки на аз рӯи ҷисм, балки аз рӯи Рӯҳ зиндагӣ мекунем, ба амал* омад. Ҳангоме ки мо худро ба ҳукми Рӯҳулқудс медиҳем, Худи Ӯ қувват медиҳад Худоро дӯст дорем ва наздиконро дӯст дорем, ва ин, дар ниҳояти кор, талаботи шариат аст.

Дар чор ояти аввалини ин боб Павлус хулосаҳои асосии афкори худро аз 5,12 то 7,25 такрор мекунад. Дар 5,12-21 вай оид ба сарварии Одам ва Масеҳ сухан ронд. Акнун дар 8,1 вай боз нишон медиҳад, ки маҳкумияти аз якшавӣ бо Одам ба мо мерос монда ба воситаи якшавӣ бо Масеҳ бекор карда мешавад. Дертар, дар бобҳои шашум ва ҳафтум вай мушкилии даҳшатангези моҳияти гуноҳолуди табиати одамро баррасӣ мекард ва акнун ботантана эълон мекунад, ки қонуни рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ моро аз қонуни гуноҳ ва марг озод кард. Ҳамчунин қисми боби пешинаро Павлус ба андешаҳо оид ба шариат бахшид, вале дар ин боб мегӯяд, ки ҳамаи талаботи шариатро ҳаёти аз

тарафи Рӯҳулқудс идорашаванда пурра қонеъ мегардонад.

**8,5** *Онҳое ки аз рӯи ҷисм зиндагӣ мекунанд,* яъне онҳое ки сӯи Худо бозгашт накардаанд, аз рӯи ҷаҳонбинии ҷисмонӣ амал мекунанд. Онҳо ба майлҳои *ҷисм* дода мешаванд ва барои он зиндагӣ мекунанд, ки хоҳишҳои табиати вайрони худро қонеъ гардонанд. Онҳо ба ҷисми худ, ки пас аз чанд вақт ба хок мубаддал мегардад, тамаллуқ мекунанд.

*Онҳое ки аз рӯи Рӯҳ зиндагӣ мекунанд,* яъне имондорони ҳақиқӣ, аз ҷисм ва хун баланд шудаанд ва акнун барои арзишҳои абадӣ зиндагӣ мекунанд. Доираи манфиати онҳо Каломи Худо, дуо, ҳамду сано ба Худо ва хизматгузории масеҳӣ аст.

**8,6** Фикрҳои ҷисмонӣ, аниқтараш таъсири гуноҳолудии мо ба шуур, *марг* аст. Ин марг ҳам ҳолати имрӯза, ва ҳам вазъиояндаи абадиро ифода мекунад. Дар фикрҳои ҷисмонӣ тамоми қувваи марг мавҷуд аст, онҳо чун миқдори зиёди заҳри зудтаъсиранд.

*Фикрҳои рӯҳонӣ ҳаёт ва осоиш мебошанд.* Рӯҳи Худо кафили он аст, ки мо ҳақиқатан ҳаёт дорем ва онро абадан доро мешавем.

**8,7** Фикрҳои ҷисмонӣ барои он марг меоранд, ки онҳо *душманӣ ба Худо* ҳастанд. Гуноҳкор, дар асл, бар зидди Худо исён мебардорад ва ба Ӯ ҷанг эълон мекунад. Аз ҳама равшантар ин дар маслуб намудани Худованд Исои Масеҳ зоҳир гардидааст. Фикрҳои ҷисмонӣ *ба шариати Худо* итоат намекунанд, онҳо мехоҳанд худашон ба одам ҳукмронӣ кунанд ва ба Каломи Худо итоат накунанд. Дар асл онҳо чунинанд, ки ба шариати Худо тобеъ шуда ҳам наметавонанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи набудани на фақат *майл,* балки *қувва* низ меравад. *Ҷисм* нисбат ба Худо мурда аст.

**8,8** Ҳамин тариқ, аҷиб нест, ки ононе *ки аз рӯи ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба Худо писанд афтода наметавонанд.* Дар ин бора андеша кунед! Ҳеҷ як рафтори одами наҷотнаёфта наметавонад ба Худо маъқул шавад – ҳеҷ як амали хуб, ҳеҷ як оини динӣ, ҳеҷ як қурбонӣ, умуман ҳеҷ чиз. Аввалин чизе ки мо бояд кунем, дарк намудани гуноҳолудии худамон ва бо имон қабул кардани Масеҳ аст. Ва танҳо ҳамон вақт мо бори аввал дар симои Худо лабханди ризоиятро мебинем.

**8,9** Ҳангоме ки одам аз олами боло зода мешавад, ӯ зиндагиро на *бар ҳасби ҷисм, балки бар ҳасби рӯҳ* шуруъ мекунад. Ин зиндагӣ гӯё дар олами дигар мегузарад. Мисли он ки моҳӣ дар об зиндагӣ мекунад, ва одам дар ҳаво, имондор дар Рӯҳ зиндагӣ мекунад. Ва на танҳо ӯ дар Рӯҳ зиндагӣ мекунад, балки Рӯҳ низ дар ӯ зиндагӣ мекунад. Ҳамин тариқ, касе ки Рӯҳи Масеҳ дар ӯ нест, ба Масеҳ тааллуқ надорад. Дар ин ҷо савол ба миён меояд, магар *Рӯҳи Масеҳ* Рӯҳулқудс аст? Дар асоси матн гуфтан мумкин аст, ки ин ҳамон як чиз аст.

**8,10** Ба шарофати хизматгузории Рӯҳ *Масеҳ* дар имондор вуҷуд дорад. Фикр оид ба он ки Худованди ҳаёт ва ҷалол дар ҷисми мо вуҷуд дорад, дар ҳақиқат мафтункунанда аст, хусусан агар мо дар ёд дошта бошем, ки барои *гуноҳ* ин ҷисм ба марг маҳкум аст. Дар ин ҷо эрод гирифтан мумкин аст, ки бар хилофи он чи ин оят мегӯяд, мо ҳоло намурдаем. Ҳа, лекин қувваҳои марг дар ҷисми мо амал мекунанд, ва он ҳатман мемирад, агар Худованд барвақттар наояд.

Бар хилофи ҷисм, *рӯҳ*[25] *ба воситаи росткорӣ зинда аст.* Ва агарчи пештар он барои Худо мурда буд, акнун вай зинда карда шуд ба шарофати марг ва растохези Худованд Исои Масеҳ ва он, ки росткории Худо ба ҳисоби мо даровarda шудааст.

**8,11** Фикри марги дар пеш истода моро набояд безобита ва ноумед кунад. Дар мо Рӯҳулқудс зиндагӣ мекунад, ва ин гарави он аст, ки чунон ки Ӯ *Исоро аз мурдагон бархезонд, Ӯ баданҳои мирандаи* моро *низ зинда мекунад.* Ана ҳамин марҳалаи охирини афв аст, ки ҷисмҳои мо мисли ҷисми пуршарафи Наҷотдиҳанда ҷалол меёбанд.

**8,12** Инак, мо мухолифати пурраи Рӯҳ ва ҷисмро мебинем. Ин ба мо чӣ гуна аҳамият дорад? Мо аз *ҷисм* қарзе надорем, *то* таҳти роҳбарии *он зиндагӣ кунем.* Табиати кӯҳна, бад ва вайроншудаи мо фақат мекӯшад моро ба поён кашида барад. Аз он чизи хуберо интизор шудан маъно надорад. Агар марги Масеҳ намебуд, *ҷисм* моро ба ҷои аз ҳама тираву ториктар ва сӯзони дӯзах фурӯ мекашид. Пас чаро мо бояд худро аз ин душман миннатдор шуморем?

**8,13** Касоне ки *аз рӯи ҷисм* зиндагӣ мекунанд, бояд *муранд.* Онҳоро на танҳо марги табиӣ, балки марги абадӣ низ интизор аст. Аз рӯи ҷисм зистан – надоштани наҷот аст. Ин

аз оятҳои чорум ва панҷум маълум аст. Пас чаро Павлус ин гуна калимаҳоро ба масеҳиёни имондор менависад? Наход вай дар назар дорад, ки касе аз онҳо метавонад ҳалок шавад? Не, лекин расул дар номаҳои худ доимо таъкид мекунад ва ба худтафтишкунӣ даъват мекунад, бо фаҳмидани он, ки дар ҳар як ҷамоат шахсоне буда метавонанд, ки зодашавии ҳақиқӣ аз олами боло надоранд.

Қисми дуюми ин оят ҳолати ба имондорони ҳақиқӣ хосро тасвир мекунад. Ба шарофати таъсири Рӯҳулқудс онҳо *амалҳои баданро мекушанд,* аз ҳаёти абадӣ худи ҳозир ҳаловат мебаранд ва ҳангоме ки заминро тарк мекунанд, ба пуррагии он ворид мегарданд.

**8,14** Боз як хусусияти имондорони ҳақиқӣ он аст, ки онҳоро *Рӯҳи Худо* ҳидоят мекунад. Дар ин оят Павлус оид ба ягон хел ҳодисаҳои алоҳидаи мудохилаи Худо ба ҳаёти баъзе масеҳиёни шоиста сухан намеронад. Баръакс, вай оид ба ҳамаи *фарзандони Худо* менависад, ки ҳамаи онҳоро Рӯҳи Худо ҳидоят мекунад. Дар ин ҷо гап на дар бораи дараҷаи садоқат ба Рӯҳулқудс, балки дар бораи муносибатҳои нав бо Ӯст, ки ҳангоми имон овардан пайдо мешаванд.

Писархондкунӣ ба оилаи Худо қабул шуданро бо тамоми ҳуқуқҳо ва вазифаҳои фарзандони калонсол ифода мекунад. Навимон набояд интизор шавад, ки кай ӯро барои иштирок дар мероси умумии рӯҳонӣ даъват мекунанд; ӯ онро ҳангоми дохилшавӣ ба оила соҳиб мешавад, ва ин ба ҳамаи имондорон дахл дорад, ба мардҳо ва занҳо, бачаҳо ва духтарон.

**8,15** Одамони аз рӯи шариат мезиста ба тифлаконе монананд, ки чун хизматгорони фармонбардор ба атрофиён итоат мекунанд ва доимо аз ҷазо метарсанд. Лекин ҳангоме ки одам аз олами боло зода мешавад, вай на дар вазъи хизматгор зода мешавад. Вай чун ғулом ба хонаи Худо ворид карда намешавад. Вай *Рӯҳи писархондагиро* соҳиб мешавад, яъне ба оилаи Худо бо хуқуқҳои писари болиғ қабул мешавад. Ба шарофати ҳисси рӯҳонии нав вай ба Худо назар карда, ба Ӯ нидо мекунад: *«Эй Або, эй Падар!»* Калимаи арамии «або», ки бе тарҷума мондааст, шакли навозишкоронаи «падар» мебошад, ба монанди «дада» ё «дадаҷон». Агарчи мо аз истифодаи чунин суханони навозишкунанда шарм мекунем, нома ба мо мегӯяд, ки Оне ки аз ҳама баланд аст, барои мо аз ҳама наздиктар низ ҳаст.

Зери калимаҳои *«Рӯҳи писархондагӣ»*[26] метавонад Рӯҳулқудс фаҳмида шавад, ки ба имондор имкон медиҳад вазъи писаронаи худро ҳис кунад. Ҳамчунин ин метавонад як навъ фаҳмиш ё роҳи махсусро ба дарки писархондшавӣ ифода кунад, ки мухолифи *рӯҳи бандагист.*

Дар Нома ба Румиён калимаи *«писархондагӣ»* дар се маънои гуногун истифода мешавад. Дар ин ҷо он ба дарки фарзандхондагии худ тааллуқ дорад, ки Рӯҳулқудс дар дили имондор ба вуҷуд меорад. Дар 8,23 вай ҳодисаи *ояндаро* тасвир мекунад, ҳангоме ки ҷисми имондор пурра афв карда ва ё ҷалол дода мешавад. Дар 9,4 ин маънои онро дорад, ки дар гузашта Худо Исроилро писари Худ таъйин карда буд (Хур. 4,22).

Дар Ғалотиён 4,5 ва Эфесусиён 1,5 ин калима амали ба имондор додани мақоми писар аст бо ҳамаи ҳуқуқҳо ва вазифаҳое ки аз он бармеоянд. Ҳар як имондор фарзанди Худо мешавад, зеро дар оилае зода шудааст, ки Падари он Худост. Лекин вай ҳамчунин писари Худо низ мешавад, яъне ба муносибатҳои махсус бо Падар дохил мешавад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои писари болиғро дар назар доранд.

Дар Аҳди Нав калимаи *«писархондагӣ»* ягон бор ба маънои ҳозираи он, яъне чун худӣ қабул кардани кӯдаки волидони бегона истифода намешавад.

**8,16** Дар масеҳии аз олами боло зодашуда ҳисси нави он пайдо мешавад, ки ӯ писари Худо низ шуд, ва инро ба вай Рӯҳулқудс мегӯяд. *Ҳамон Рӯҳ* ба *рӯҳи* имондор шаҳодат медиҳад, ки ӯ узви оилаи Худост. Ӯ инро асосан ба воситаи Каломи Худо мекунад. Ҳангоме ки масеҳӣ Навиштаи Муқаддасро мехонад, Рӯҳулқудс ба вай мегӯяд, ки дар асоси имон ба Наҷотдиҳанда вай фарзанди Худо шуд.

**8,17** Узви оилаи Худо будан имтиёзҳои ҳайратовар медиҳад. Ҳамаи *фарзандони* Худо *ворисони Ӯ* ҳастанд. Ва меросхӯр бо мурури замон тамоми моликияти падарро соҳиб мешавад. Дар ин ҷо маҳз ана ҳамин дар назар дошта шудааст. Ҳамаи он чи аз они падар аст, аз они мо низ ҳаст. Албатта, мо ҳоло соҳиби комилҳуқуқи ҳамаи офариниш нашудаем, лекин ҳеҷ чиз дар оянда ба ин монеъ шуда наметавонад. Инчунин мо боз *ҳамроҳи Масеҳ*

*ворисонем.* Ҳангоме ки Ӯ барои гирифтани чӯбдасти ҳокимият бар ҳамаи олам бармегардад, мо мулки Падарро ҳамроҳи Ӯ идора хоҳем кард.

Павлус ибораро бо калимаҳои *«агар ҳақиқатан бо Ӯ азоб кашем, то низ бо Ӯ ҷалол ёбем»* идома дода, ранҷҳои қаҳрамононаро шарти зарурии наҷот намешуморад. Ҳамчунин вай ягон гурӯҳи имтиёзноки ҷафокашони махсусро ҷудо намекунад, ки нисбати дигарон азобу уқубати зиёде кашида бошанд. Аниқтараш, вай мегӯяд, ки ҳамаи масеҳиён *низ бо Ӯ ҷалол меёбанд.* Ин *«агар»*-ро аз рӯи маъно бо зеро иваз кардан мумкин мебуд. Албатта, касе барои Масеҳ беш аз дигарон азоб мекашад ва сазовори мукофоти зиёдтар мегардад. Лекин ҳамаи касоне ки Исоро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда мешиносанд, ба бераҳмии ҷаҳон гирифтор мешаванд, залолат ва ҳақоратро аз сар мегузаронанд.

**8,18** Лекин азобҳои вазнинтарине ки мо барои Масеҳ дар замин мекашем, ба назари мо саҳлу ночиз менамоянд, ҳангоме ки Ӯ моро даъват мекунад ва ошкоро дар назди тамоми лашкари осмон эътироф мекунад. Ва ҳангоме ки Худованд ба сарҳои риёзаткашон тоҷи ҳаёт мепӯшонад, ҳатто дарди тоқатфарсое ки онҳо барои имон аз сар гузаронидаанд, чун неши пашша ба ёд меояд. Дар Номаи дуюм ба Қуринтиён 4,17 Павлус азобҳои имрӯзаро сабук ва кӯтоҳмуддат меномад, ҷалоли ояндаро бошад беканор ва ҷовидонӣ. Дар ҳар ҷое ки вай оид ба ҷалоли дар пеш истода сухан гӯяд, суханҳо дар назди маънои бузург ва баённашавандаи он тира мегарданд.[27] Агар мо тамоми *ҷалолеро,* ки моро интизор аст, дарк кардан метавонистем, *азобҳои замони ҳозира* ба мо ночиз метобиданд.

**8,19** Дар ин ҷо Павлус аз услуби зебо ва баланди бадеӣ истифода бурда, нишон медиҳад, ки чӣ хел офариниш он замонро *мунтазир аст,* ки мо назди олами ҳайроншуда ба сифати *фарзандони Худо* ҳозир мешавем. Ин замоне ба вуқӯъ меояд, ки Худованд Исо барои ҳукмронӣ кардан ба ин ҷаҳон бармегардад ва мо бо Ӯ бармегардем.

Агарчи мо аллакай *фарзандони Худо* ҳастем, ҷаҳон алҳол моро эътироф ва қадр намекунад. Бо вуҷуди ин тамоми ҷаҳон ояндаи дурахшонро интизор аст, вале он то он даме ки Подшоҳ бо муқаддасони Худ наояд, фаро намерасад. *«Тамоми офариниш нӯги по хест, то саҳнаи зебои назди онҳо омадани фарзандони Худоро бубинад»,* Ҷ. Б. Филлипс ин оятро ҳамин хел баён кардааст.

**8,20** Ҷинояти Одам на танҳо ба насли вай, балки ба тамоми офариниш низ таъсир кард, ҳам ба зинда, ҳам ба беҷон. Тамоми замин аз барои вай малъун аст. Ҳайвоноти ваҳшӣ бо марги маҷбурӣ мемиранд. Бемориҳо ба парандагон, ҷонварон, моҳиён ва хазандаҳо зарар мерасонанд. Натиҷаи гуноҳкоршавӣ ҳамчун мавҷи туфон аз тамоми офариниш гузашт.

Ҳамин тариқ, чунон ки Павлус менависад, ҳамаи *офариниш фармонбардори нестшавӣ,* дилмондагӣ ва бетартибӣ *шудааст,* ва на аз рӯи интихоби худ, балки бо амри Худо, дар натиҷаи беитоатии сарвари таъйиншуда – Одам.

Калимаи *«ба умеди»* дар охири оят бо идомаи ибора дар ояти оянда алоқаманд аст: «ба умеди он ки худи офаридаҳо ҳам аз бандагии нобудшавӣ халосӣ меёбанд».

**8,21** Тамоми офариниш замони беҳтаринро дар боғи Адан ба ёд меорад. Акнун бошад вай ҳамаи ин даҳшати бо гуноҳ омадаро мебинад. Лекин умед аст, ки хушбахтӣ боз меояд ва *худи офариниш аз бандагии нобудшавӣ халосӣ меёбад,* то аз озодии давраи беҳтарини тиллоӣ лаззат барад, ҳангоме ки *фарзандони Худо* дар ҷалол аён мешаванд.

**8,22** Мо дар олами нолон, гирён ва азобдида зиндагӣ мекунем. *Тамоми офариниш* мегиряд, *менолад ва* аз *дард азоб мекашад,* чун ҳангоми зода шудани кӯдак. Мусиқии тамоми табиат оҳанги ҳузновар гирифт. Замин аз садамаҳо меларзад. Лаънати марг бар сари ҳар як махлуқи зинда овезон аст.

**8,23** Ва имондорон истисно нестанд. Гарчанде ки мо *навбари Рӯҳ* дорем, ки наҷотро дар оянда кафолат медиҳад, мо ҳоло ҳам расидани он рӯзи шарафмандро интизор шуда *менолем.* Худи Рӯҳулқудс *навбари* мост. Монанди он ки як кафи аввали гандуми ҷамъоваришуда чун гарави тамоми ҳосили оянда хизмат мекунад, Рӯҳулқудс низ гарав ва кафолати он аст, ки тамоми мероси оянда аз они мо мешавад.

Дар Эфесусиён 1,14 Павлус менависад, ки *«то замоне ки мулки Худо бозхарида шавад, Он гарави мероси мост ...»* Ба як маънӣ мо аллакай фарзанд хонда шудаем, яъне ба оилаи фарзандони Худо дохил карда шудаем. Аммо харида шудани мо ба маънои томаш ҳамон

вақт амалӣ мегардад, ки мо дорои ҷисмҳои ҷалолёфта гардем. Ана ҳаминро Павлус дар назар дорад, ҳангоме ки оид ба халосии *бадани* мо сухан меронад. Рӯҳи мо ва ҷони мо аллакай харида шудаанд, баданҳоямон бошанд ҳангоми ба осмон гирифта шудани калисо чунин мешаванд (1Тас. 4,13-18).

**8,24** Мо *бо умед наҷот ёфтаем.* Ҳангоми имондор шудан мо ҳанӯз ҳамаи неъматҳоеро, ки ба наҷотёфтагон муқаррар шудаанд, доро нашудаем. Ва аз ҳамин вазъият мо ба оянда, ки аз гуноҳ, азобҳо, бемориҳо ва марг халос хоҳем шуд, чашм медӯзем. Агар мо аллакай ҳамаи ин баракатҳоро соҳиб мешудем, дигар ба ягон чиз умед бастанамон лозим намебуд. Мо ҳама вақт ба он чи бояд дар оянда арзи ҳастӣ кунад, умед мебандем.

**8,25** Умеди аз худи ҳузури гуноҳ ва натиҷаҳои марговари он халос шудан дар ваъдаи Худо асос меёбад, ва барои ҳамин ҳам мо асосе надорем ки ба иҷро шудани ҳама чиз шубҳа кунем. Ана барои ҳамин мо *бо сабр мунтазираш мешавем.*

**8,26** *Рӯҳулқудс*, ҳамчун умед, *дар нотавониҳои мо* дастгирӣ ва *ёрӣ медиҳад.* Мо ҳар вақт дар ҳаёти дуогӯёнаамон худ бо мушкилиҳои гуногун вомехӯрем. *Мо намедонем, дар чӣ хусус* ва чӣ хел *дуо гӯем.* Аксаран дархостҳои мо худбинона, ҷоҳилона ва маҳдуданд. Лекин Рӯҳ ба ёрии мо меояд, то моро *бо нолаҳое* ки бо сухан наметавон изҳор кард, шафоат намуда, дар нотавонӣ дастгирӣ кунад. Дар ин оят сухан дар бораи фиғон ва ё нолаҳои Рӯҳ меравад, на нолаҳои мо, агарчи мо ҳам нолида метавонем.

Дар ин ҷо сирре ҳаст. Мо ба олами ноаёни рӯҳонӣ менигаронем, ки дар он Шахсияти бузург ва қувваҳои бузург ба нафъи мо чизе мекунанд. Ва агарчи мо чизеро дар он намефаҳмем, моро донистани он далел, ки ҳатто нола дуои рӯҳонитарин буда метавонад, дастгирӣ мекунад ва тасалло медиҳад.

**8,27** Агар Худо *дилҳои* одамонро санҷида тавонад, ҳамчунин Ӯ метавонад *андешаи Рӯҳро* фаҳмад, ҳатто агар ақл метавонад онҳоро танҳо дар шакли нолаҳо ифода кунад. Зимнан дар хотир доштан лозим аст, ки дуоҳои Рӯҳулқудс ҳамеша ба *хости Худо* мувофиқанд ва барои ҳамин ҳам доимо ба нафъи мо мебошанд. Ин, чунон ки ояти оянда нишон медиҳад, барои мо аҳамияти калон дорад.

**8,28** *Ҳама чизе* ки *Худо* дар ҳаёти *дӯстдорони Ӯ, ки мувофиқи нақшаи Ӯ даъват шудаанд,* ба амал меорад, *ба нафъи* онҳост. Аммо аксаран ба мо чунин метобад, ки ин хел нест! Мо баъзан андӯҳ, фоҷиа, пушаймонӣ, нокомӣ, талафот ва ноумедиҳоро аз сар мегузаронем, ва фаҳмиданамон мушкил мешавад, ки чӣ нафъеро мо метавонем аз он барорем. Лекин ояти оянда ба мо ҷавоб медиҳад: Ҳама чизҳое ки Худо дар ҳаёти мо роҳ медиҳад, барои он муқаррар шудаанд, ки моро ба симои Писари Ӯ монанд кунанд. Фаҳмидани ин ба мо ёрӣ медиҳад, ки аз дуоҳои худ аломатҳои саволро гирифта партоем. Ҳаёти моро на қувваҳои мавҳум ба монанди тасодуф, тақдир ё бахт идора мекунанд, балки Худованди оличанобу мо, ки хеле хирадманд буда саҳв намекунад, ва моро хеле дӯст медорад ва зарар намерасонад.

**8,29** Павлус пайдарпайии марҳалаҳои нақшаи Худоро барои ҷалол додани писарони Ӯ дида мебарояд.

Пеш аз ҳама Худо моро ҳанӯз аз азал *пешакӣ шинохтааст.* Ва ин ҳамин тавр маълумоти одии ақлӣ набуд; Ӯ ҳамаи ононеро, ки бояд зода шаванд, пешакӣ медонист. Вале пешакӣ шинохтани Ӯ ба онҳое дахл дорад, ки Ӯ *пешакӣ муайян кардааст,* то ба *сурати Писараш монанд шаванд.* Яъне ин пешакӣ шинохтан мақсади муайяне дошт. Боз, Худо на фақат пешакӣ онҳоеро *шинохт,* ки ягон рӯз тавба мекунанд ва имон меоваранд. Дар асл пешакӣ донистани Ӯ гарави дар оянда имондор шудани одам аст.

Замоне гуноҳкорони осӣ ба симои Масеҳ табдил хоҳанд ёфт, ва ин яке аз калонтарин муъҷизаҳои файз ва ҳақиқати аҷиби ваҳйи Худост. Албатта, сухан дар бораи он намеравад, ки мо ба хусусиятҳои Худо соҳиб мешавем, ё оид ба он ки мо зоҳиран ба Масеҳ монанд мешавем; ин монандии *маънавӣ* мешавад: Мо тамоман аз гуноҳ озод мешавем ва баданҳои ҷалолёфтаро соҳиб мешавем, чун бадани Ӯ.

Дар он рӯз Ӯ чун *нахустзода дар миёни бародарони бисёр* ҳувайдо мешавад. Нахустзодагӣ мартабаи баландро ифода мекунад, ки шоистаи шарафи бузург аст. Вай Яке аз бародарон не, балки Касе мешавад, ки мартаба ва мақоми баландтаринро дар байни бародарон ва хоҳарони Худ соҳиб мегардад.

**8,30** Ҳамаи ононе ки барои наҷот *муайян карда* шудаанд, дар замони худ *даъват*

*намуда* мешаванд. Ва гарчанде ки Худо одамонро даъват мекунад (даъвати умумии Худо), на ҳама ҷавоб медиҳанд (даъвати воқеӣ ва нигаронидашудаи Худо).

Ва ҳамаи онҳое ки ҷавоб медиҳанд, *сафед карда* мешаванд, яъне дар пеши Худо мақоми бегуноҳонро соҳиб мешаванд. Ба шарофати қурбонии Масеҳ онҳо росткории Худоро ба бар мекунанд ва ҳамин тавр, ба назди тахти Ӯ роҳ меёбанд.

Онҳое ки *сафед карда* шудаанд, *ҷалол* низ меёбанд. Дар асл мо ҳоло ҷалол наёфтаем, лекин ин албатта рӯй медиҳад. Ҷалолёбии мо ҳатман арзи вуҷуд мекунад, ва барои ҳамин ҳам оид ба ин дар замони гузашта сухан рондан мумкин аст, гӯё мо онро аллакай соҳиб шуда бошем.

Ин порча яке аз ҷойҳои равшантарини Аҳди Нав аст, ки оид ба бехатарии абадии наҷоти имондор ибрози сухан дорад. Ҳар кадоме аз миллионҳо одамоне ки Худо барои наҷот интихоб ва *муайян* намудааст, шахсан *даъват* шуда, *сафед карда* мешавад ва *ҷалол* меёбад. Ҳеҷ яке гум нахоҳад шуд! (Бо калимаҳои «ҳар кӣ» дар Юҳ. 6,37 муқоиса кунед).

**8,31** Ҳар як ҳалқаи алоҳидаро дар занҷири умумии тиллоии халосии мо аз назар гузаронида, ба хулосаи ягона меоем. *Агар Худо бо мо* бошад, ба он маънӣ, ки Худи Ӯ моро махсус ҷудо кардааст, пас ҳеҷ кас *зидди мо* коре карда наметавонад.[28] Агар Худои Тавоно тарафдори мо бошад, ягон қувваи дигар нақшаҳои Ӯро вайрон карда наметавонад.

**8,32** Ӯ *Писари Худро дареғ надоштааст, балки Ӯро барои ҳамаи мо фидо кардааст.* Чӣ гуна калимаҳои зебо! Ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ додан мумкин нест, ки онҳо барои мо сода шаванд ва дар натиҷа қувваи ба парастиш водоркунандаи худро дар ҳаётамон гум кунанд. Ҳангоме ки инсонияти гуноҳолуд ба Қурбонии бегуноҳ эҳтиёҷ дошт, Худои бузурги тамоми олам Ганҷи бебаҳоеро, ки дошт, пинҳон кардан натавонист, ва Ӯро баҳри мо ба марги шармандавор супурд.

Мантиқи фикрҳои Павлус пурра аён аст. Агар Худо аллакай ба мо бахшоиши бебаҳо дода бошад, наход Ӯ барои мо чизи хурдтареро дареғ медошта бошад? Агар Ӯ музди гаронеро аллакай дода бошад, магар барои додани музди хеле ночиз дудила мешавад? Агар Ӯ барои наҷот додани мо ин қадар карда бошад, магар пас аз ин Ӯ моро сар медиҳад? *Чӣ гуна* Худо *ҳамроҳи Ӯ ҳама чизро ба мо намебахшад?*

*«Дар забони беимонӣ ин савол чунин садо медиҳад: «Чаро Ӯ бояд чизе диҳад?», аммо дар забони имон: «Чаро не?»»* менависад Макинтош.[29]

**8,33** Мо ҳоло ҳам дар толори доварӣ ҳастем, лекин тағйиротҳои муҳиме ба амал омадаанд. Гуноҳкори сафедшуда дар курсии ҷинояткорон нишастааст; ба ҳамаи айбдоркунандагон даъват садо медиҳад, ки бо айбномаҳои худ баромад кунанд. Лекин ягон хоҳишманде пайдо намешавад! Чаро? Зеро Худи Худо ин одамро сафед кардааст, ва акнун кӣ метавонад вайро *айбдор кунад?*

Мо маънои ин оят ва ояндаашро хубтар мефаҳмем, агар пас аз ҳар як савол калимаҳои «ҳеҷ кас, барои он ки ...» гузорем. Ҳамин тариқ, ин оят чунин садо медиҳад: *«Кӣ интихобшудагони Худоро айбдор мекунад?* Ҳеҷ кас, барои он ки *Худост, ки онҳоро сафед мекунад».* Бе ин изофа чунин намуда метавонад, ки гӯё сухан дар бораи Худо меравад, ки мехоҳад интихобшудаеро айбдор кунад, ва маҳз ана ҳаминро Павлус мекӯшад рад кунад.

**8,34** Даъвати дуюм! «Оё дар ин ҷо касе ҳаст, ки метавонад ин одамро маҳкум кунад?» Ҳеҷ кас, зеро *Масеҳ* ба ҷои ҳимояшавандаи Худ *мурд,* аз мурдагон зинда шуд ва акнун *ба дасти рости Худост, ва дар ҳаққи мо шафоат низ мекунад.* Ҳангоме ки Худованд Исо, ки Падараш ба Ӯ ҳамаи довариро дод, барои маҳкум кардани мо чизе намегӯяд, балки дар ҳаққи мо дуо мегӯяд, ин чунин маъно дорад, ки дигар ҳеҷ кас моро дар ҳеҷ чиз айбдор карда наметавонад.

**8,35** Дар ин вақт имон дафъаи охирин даъват мекунад: «Оё дар ин ҷо ақаллан ягон кас ёфт мешавад, ки имондорро *аз муҳаббати Масеҳ ҷудо карда* тавонад?» Павлус мамониатҳои гуногунро таҳқиқ мекунад, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти одам ба ҷудоиҳо меоранд. Лекин ягонтои онҳо қудрат надорад. На зарбаҳои марговари *андӯҳ,* ки тарс ва тангӣ меоранд, на азобҳои даҳшатнок, ки ба ҷисм ва ақл дарди тоқатфарсо меоранд, на ваҳшонияти *таъқибот* бо шиканҷаву ҷазояш бар ононе ки мекӯшанд мухолифат кунанд. Ҳам шабаҳи даҳшатноки *гуруснагӣ,* ки ҷисмро то ба скелет монанд шуданаш хаста, хароб ва хушк мекунад,

ҳам *бараҳнагӣ,* ки бо муҳтоҷӣ ва нотавонӣ таҳдид мекунад, оҷизанд. Ба ин на *хатарҳои* ваҳмангез, на *шамшери* марговар тавон надоранд.

**8,36** Ва агар ҳатто ягон чизе аз ин рӯйхат имондорро аз Масеҳ ҷудо карда метавонист, ин аллакай кайҳо содир мешуд, чунки роҳи зиндагии масеҳӣ чун хатари марговари доимӣ аст. Сарояндаи Забур маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме мегуфт, ки ба сабаби бо Худованд як шуданамон моро *ҳар рӯз мекушанд,* чун *гӯсфандоне* ки ба *забҳ* маҳкум карда шудаанд (Заб. 43,23).

**8,37** Ба ҷои он ки моро аз муҳаббати Масеҳ дур кунад, ин ҳама моро ба Ӯ фақат наздиктар мекунад. Мо на танҳо бар ҳамаи ин *ғолиб* меоем, балки зиёда аз он.[30] Мо на танҳо бар қувваҳои даҳшатнок тантана мекунем, балки бо ин ба Худо ҷалол, ба атрофиён баракат ва барои худ хайр меорем. Мо душманони худро асир мекунем ва монеаҳоро бартараф карда, боло меравем. Лекин ҳамаи инро мо бо қувваи худ намекунем, балки танҳо *ба воситаи Оне ки моро дӯст доштааст.* Фақат тавоноии Масеҳ метавонад талхиро ба ширинӣ, нотавониро ба қувват, фоҷиаро ба тантана ва ғуссаро ба ҳаловат мубаддал гардонад.

**8,38** Расул ҳанӯз таҳқиқи худро тамом накардааст. Вай мекӯшад дар тамоми ҷаҳон чизеро ёбад, ки моро аз муҳаббати Худо ҷудо карда метавонад, лекин ҳамаи тахминҳо паёпай рад карда мешаванд – *на марг* бо тамоми таҳдидҳояш, *на ҳаёт* бо тамоми афсунҳояш, *на фариштаҳо, на сарвариҳои* пур аз қувва ва дониши ғайритабиӣ, *на қувваҳо,* хоҳ одамӣ ва ё фариштагӣ, *на ҳозира,* ки доимо ба мо дармеафтад, *на оянда,* ки бо номаълумияш моро метарсонад,

**8,39** *на баландӣ, на умқ,* яъне ҳамаи он чи дар доираи арзу тул ва масоҳат аст, якҷоя бо тамоми қувваҳои он дунё ва симиё.[31]

Ва дар хотима, Павлус барои боварӣ ҳосил кардан ба он ки ҳама чизи имконпазирро ёдрас кард, илова мекунад: *на ҳар гуна офаридаи дигар.* Инак, дар натиҷаи таҳқиқ вай ба хулосаи зерин омад: ҳеҷ чиз моро аз муҳаббати Худо дар Исои Масеҳ, Худованди мо, *ҷудо карда наметавонад.*

Ҳайратовар нест, ки ин калимаҳои ғалабаовар суруде буданд дар даҳони онҳое ки барои имон кушта мешуданд ва шиори онҳое ки ҳаёти риёзаткашона ба сар мебурданд.

## II. ҚИСМИ ТАЪРИХӢ: ХУШХАБАР ВА ИСРОИЛ (Б. 9–11)

Аз боби нӯҳум то боби ёздаҳуми Нома ба Румиён Павлус гӯё ба саволи зерини мусоҳиби яҳудӣ ҷавоб медиҳад: Оё Худо, мувофиқи Хушхабар, наҷотро ҳам ба яҳудиён, ва ҳам ба ғайрияҳудиён дода, ваъдаҳои Худро ба халқи интихобшудаи яҳудӣ вайрон кард? Ҷавоби Павлус гузашта (б. 9), ҳозира (б. 10), ва ояндаи Исроилро (б. 11) дар бар мегирад.

Дар ин фасл оид ба таъйиноти пешакии Худо ва масъулияти одам бисёр сухан гуфта мешавад. Боби нӯҳум калидест барои фаҳмиши дурусти интихоби соҳибихтиёронаи Худо. Дар боби оянда бошад оид ба дигар тарафи ҳамчунон муҳими ин масъала – масъулияти одам сухан меравад.

---

## ТАЪЙИНОТИ ПЕШАКИИ ХУДО ВА МАСЪУЛИЯТИ ОДАМ

Вақте мо оид ба ҳокимияти соҳибихтиёронаи Худо гап мезанем, мо мефаҳмем, ки Ӯ ҳама чизи дар олам рӯймедодаро идора мекунад, ва ҳар кореро ки хоҳад, карда метавонад. Лекин дар баробари ин мо мефаҳмем, ки Ӯ ҳеҷ кори нодуруст, ноинсофона ва ноҳақро карда наметавонад, зеро Ӯ Худост. Ҳамин тариқ, Ӯро соҳибихтиёр гуфта, мо фақат тасдиқ мекунем, ки Худо Худост. Ба мо лозим нест аз ин фикр тарсем ё барои он худро айбдор ҳис кунем. Ин ҳақиқати пурҷалол аст, ва он моро танҳо ба парастиш водор мекунад.

Бо иродаи мустақили Худ Худо барои Худ баъзе одамонро интихоб кард. Лекин дар худи ҳамон Навиштаи Муқаддас, ки интихоби Худоро таълим медиҳад, оид ба ҷавобгарии инсон низ навишта шудааст. Чунон ки дуруст аст, ки Худо одамонро барои наҷот додан интихоб мекунад, он низ дуруст аст, ки одамон наҷотро ба воситаи қарори мушаххаси иродавӣ доро мешаванд. Қисми наҷот аз тарафи Худо дар ин калимаҳост: «Ҳар он чи Падар ба Ман ато кунад, назди ман меояд», қисми инсонӣ бошад дар давоми ин оят аст: «ҳар кӣ ба назди Ман ояд, бадар намеронам» (Юҳ. 6,37). Мо, имондорон, шодӣ мекунем, ки Худо моро пешакӣ дар Масеҳ ҳанӯз то офариниши олам

интихоб кард (Эфс. 1,4). Лекин мо ҳамчунин боварӣ дорем, ки ҳар касе ки хоҳад, метавонад оби ҳаётро ройгон бинӯшад (Ваҳй 22,17). Д. Л. Мудӣ робитаи байни ин ду тарафи ҳақиқатро чунин тасвир кард. Ҳангоме ки мо назди дари наҷот меоем, мо дар он тахтачаеро мебинем: «Ҳар касе ки хоҳиш дорад, метавонад дарояд». Вале ҳангоме ки мо ба он медароем, баргашта, дар болои дар мехонем: «Интихоб шудааст аз рӯи пешакӣ донистани Худо». Ҳамин тавр, ҳангоме ки мо назди дари наҷот меоем, моро масъулияти одам пешвоз мегирад, ҳақиқати таъйиноти пешакии мустақили Худо бошад барои онҳое ҳақиқат аст, ки аллакай ба оилаи Худо дохил шудаанд.

Чӣ тавр мешавад, ки Худи Худо барои Худаш одамони муайянро интихоб мекунад ва худи ҳамон вақт ба тамоми инсоният барои наҷот пешниҳоде мекунад, ки шоистаи боварист. Мо чӣ гуна ин ду фикрро якҷоя карда метавонем? Аз ростӣ, мо инро карда наметавонем. Барои ақли инсон ин имконнопазир аст. Лекин Навиштаи Муқаддас ин ҳар ду таълимотро дорад, ва аз ҳамин сабаб мо бояд ба ҳар дуи онҳо бовар кунем, бо эътирофи он ки мушкилӣ на дар фикрҳои Худост, балки дар афкори инсонии мо ба вуҷуд меояд. Ин ду ҳақиқат чун ду хати мутавозӣ ҳастанд, ки танҳо дар охират васл мешаванд.

Баъзеҳо кӯшиш мекунанд таъйиноти пешакии осмониро бо масъулияти одам якҷоя кунанд, ва чунин мегӯянд, ки Худо пешакӣ медид, ки кӣ ба Наҷотдиҳанда бовар мекунад, ва маҳз онҳоро ба наҷот ёфтан муқаррар кард. Ҳамин фикрро онҳо дар Нома ба Румиён 8,29 асоснок мекунанд («онҳоеро, ки пешакӣ шинохтааст, низ пешакӣ муайян кардааст») ва дар Номаи якуми Петрус 1,2 («ва мувофиқи таъйиноти пешакии Худои Падар»). Лекин ин нуқтаи назар он далелро ба назар намегирад, ки маҳз пешбинии Худо муайянкунанда аст. Ӯ на танҳо пешакӣ медонад, ки кӣ ба Наҷотдиҳанда бовар мекунад, балки одамони муайянро ба худ ҷалб намуда, ин натиҷаро пешакӣ муқаррар мекунад.

Ва гарчанде Худо одамони алоҳидаро барои наҷот интихоб мекунад, Ӯ ҳеҷ гоҳ ҳеҷ касро барои маҳкумият интихоб намекунад. Бо ибораи дигар, Навиштаи Муқаддас оид ба интихоби пешакӣ мегӯяд, вале оид ба маҳкумияти пешакӣ чизе намегӯянд. Лекин касе метавонад эътироз кунад: «Баъзеҳоро барои баракат интихоб карда, Худо бо ин дигаронро барои марг интихоб мекунад». Лекин ин тавр нест! Тамоми инсоният на аз рӯи қарори пешакии Худо, балки барои гуноҳҳояш ба марг маҳкум буд. Агар Худо ба одамон иҷозат медод ба дӯзах раванд, ки ин аз рӯи адолат мебуд, одамон танҳо он чиро, ки сазовораш буданд, мегирифтанд. Дар ин ҳолат савол дигар хел садо медиҳад: «Магар Худо ҳақ дорад поён ояд ва аз байни одамони ба марг маҳкумшуда як гурӯҳи хурдеро чун Арус ба Писари Худ интихоб кунад?» Албатта, ҳақ дорад! Инак, ҳама чиз ба сари он меояд, ки агар одамон бимиранд, танҳо барои гуноҳҳояшон мемиранд; ва агар одамон наҷот ёбанд, пас аз рӯи марҳамати интихоби мустақили Худо наҷот меёбанд.

Барои одамони наҷотёфта таъйиноти пешакии Худо манбаи доимии ҳайрат аст. Имондор, ба атроф назар афканда, дар гирди худ одамони зиёдеро бо хислатҳо, хусусиятҳои шахсӣ ва одатҳои аз вай ҳам хубтар дида, доимо ба худаш савол медиҳад: «Чаро Худованд маҳз маро интихоб кард?».

*Чаро офарида шудаам,*
*То овози Туро шунавам*
*Ва ҳанӯз ки ҷой ҳаст, ворид шавам,*
*Дар ҳоле ки ҳазорҳо интихоби Нодуруст мекунанд*
*Ва гуруснаанд, ба ҷои он ки дароянд?*

Исаак Уоттс

Одамони беимон набояд таълимоти таъйиноти пешакиро барои сафед намудани беимониашон истифода баранд. Ин тавр гуфтан мумкин нест: «Ман интихоб нашудаам, бинобар ин чизе карда наметавонам». Роҳи ягонаи донистани интихобшуда будани худ – ба гуноҳҳои худ тавба кардан ва Худованд Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда қабул кардан аст (1Тас. 1,4-7).

Ҳамчунин масеҳиён низ набояд таълимоти таъйиноти пешакиро барои сафед кардани набудани хоҳиши шаҳодатдиҳӣ истифода баранд. Гуфтан мумкин нест: «Агар онҳо интихоб шуда бошанд, пас бо ҳар роҳ наҷот дода мешаванд». Танҳо Худо интихобшудагони Худро медонад. Ба мо фармуда шудааст, ки Инҷилро ба тамоми дунё мавъиза кунем, чунки Худо наҷотро ба ҳар кас ба таври алоҳида пешниҳод мекунад. Одамон бошанд Хушхабарро аз боиси сангдилиашон рад мекунанд,

на ин ки хоҳиши ҳамаро наҷот додани Худо самимӣ нест.

Дар ин ҳолат бояд аз ду хато барканор бошем. Якум танҳо яке аз ақидаҳоро интихоб кардан, мисол, ба таъйиноти пешакии мустақилонаи Худо бовар кардан ва инкор кардани иштироки одам дар наҷот ёфтани худ. Хатои дуюм ба ягон чиз нисбат ба дигараш бисёртар такя кардан. Ҳалли ба Навишта мувофиқи ин масъала боварӣ ба таъйиноти пешакии соҳибихтиёронаи Худо ва низ бовар ба ҷавобгарии одам аст. Танҳо ҳамин хел ин ду қонунро дар баробарвазнии дурусти ба Навишта мувофиқ нигоҳ доштан мумкин аст.

---

Акнун биёед ба боби нӯҳуми Нома ба Румиён мегузарем ва аз паси фикри расули дӯстдошта меравем, ки мавзуи худро инкишоф медиҳад.

### А. Гузаштаи Исроил (Б. 9)

**9,1** Бо таъкиди он ки наҷот ҳам ба яҳудиён ва ҳам ба ғайрияҳудиён дода шудааст, Павлус нисбати Исроил метавонист хоин, муртад ва аз имон баргашта тобад. Дар ин оят вай садоқати сахти худро ба халқи яҳудӣ бо ёд кардани қасами самимона исбот мекунад. Вай *рост* мегӯяд. Вай *дурӯғ намегӯяд. Виҷдони* ӯ, ки бо Рӯҳулқудс дар мушоракат аст, ҳаққонияти гуфтаҳои вайро тасдиқ мекунад.

**9,2** Ҳангоме ки Павлус интихобшавии пуршарафи гузаштаи Исроил ва онро ба ёд меорад, ки ҳозир, барои эътироф накардани Масеҳ, аз тарафи Худо рад карда шудааст, вай пур аз *ғуссаи бузург* аст *ва сӯзи дилаш поён надорад.*

**9,3** Вай ҳатто омода буд аз Масеҳ *маҳрум* ё ҷудошуда бошад, агар ба воситаи аз наҷот даст кашидани вай бародарони яҳудиаш наҷот ёфта метавонистанд. Дар ин зуҳуроти риёзаткашӣ мо нишонаи муҳаббати баландро меёбем, ки одамро водор мекунад ҳаёти худро барои дӯстонаш фидо кунад (Юҳ. 15,13). Дар ин калимаҳо мо бори гаронеро мебинем, ки яҳудии имондор бояд бар дӯшаш барад, то ин ки халқи вай имондор шавад. Онҳо дуои Мусоро барои Исроил ба хотир меоранд: «Ва алҳол хуб мешавад, ки Ту гуноҳи онҳоро бибахшӣ, вагарна, маро аз китоби Худ, ки навиштаӣ, маҳв намо» (Хур. 32,32).

**9,4** Дар нолаи Павлус барои халқи худ ёди имтиёзҳои пурҷалол низ садо медиҳанд. Халқи вай *исроилиён,* аз қадим миллати интихобшудаи Худост.

Худо ин халқро ҳамчун фарзанди Худ қабул кард (Хур. 4,22) ва аз Миср баровард (Ҳуш. 11,1). Ӯ Падари Исроил буд (Так. Шар. 14,1), ва Эфроим нахустфарзанди вай буд (Ирм. 31,9). (Дар зери номи «Эфроим» ин ҷо тамоми Исроил дар назар дошта шудааст).

Абри *ҷалол* нишонаи ҳузури Худо дар байни онҳо буд, ки онҳоро роҳнамоӣ ва ҳимоя мекард.

Маҳз бо Исроил, ва на бо ягон халқи дигар, Худо *аҳдҳои* худро мебаст. Мисол, Худо бо Исроил паймонро оид ба сарзамини Фаластин баст, ва заминро аз дарёи Миср то Фурот ваъда дод (Ҳас. 15,18). Ва маҳз бо Исроил Ӯ паймони наверо барқарор хоҳад кард: пойдории ҷовидона, бозгашти оянда сӯи Худо ва баракати Исроили тавбакардаро ваъда дод (Ирм. 31,31-40).[32]

*Шариат* низ маҳз ба Исроил дода шуда буд. Танҳо онҳо онро медонистанд.

Ҳамчунин ба Исроил оину маросимҳои *ибодат* дар хаймаи ҷомеъ ва парастишгоҳ, ва низ хизмати коҳинӣ дода шуд.

Ва илова бар паймонҳои зикршуда Худо ба Исроил *ваъдаҳои* зиёде оид ба ҳимоя, осоиш ва нуму дод.

**9,5** Халқи Исроил дар он ҳақ буданд, ки нахустпадарон Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва дувоздаҳ писари ӯро аз они худ ҳисоб мекарданд. Онҳо нахуставолидони тамоми миллат буданд. Ва низ ба худи ҳамин халқ имтиёзи бузурге дода шуда буд – Масеҳ аз рӯи аслу насаби одамии Худ исроилӣ буд, гарчанд Ӯ Ҳукмфармои тамоми олам, *то абад Худои муборак* аст. Ин оят табиати илоҳӣ ва инсонии Исои Масеҳро исбот мекунад.

**9,6** Акнун расул ба масъалаи муҳими илоҳиётшиносӣ мегузарад. Агар Худо ба Исроил ваъда дода бошад, ки он халқи интихобшудаи Ӯ мешавад, пас инро чӣ гуна бо вазъи кунунии Исроил метавон пайваст, ҳангоме ки ба ҷои муборак ғайрияҳудиён омадаанд? Павлус исрор мекунад, ки ваъда аз тарафи Худо вайрон карда нашудааст. Вай нишон медиҳад, ки Худо ҳамеша одамонро дар асоси ваъдаҳои худ

интихоб мекард, на ин ки фақат аз рӯи насаб. Дар оилаи *исроилӣ* зода шудани кас маънои онро надорад, ки ваъдаҳои Худо ҳатман ба вай низ дахл доранд. Дар байни тамоми *Исроил* Худо бақияи ҳақиқатан имондор дорад.

**9,7** *На ҳамаи* насли Иброҳим *фарзандони* вай ҳастанд. Масалан, Исмоил аз *насли* вай буд. Лекин хатти ваъдаҳо аз Исҳоқ гузашт, на ин ки аз Исмоил. Худо ваъда дод: *«Насли ту аз Исҳоқ хонда мешавад»* (Ҳас. 21,12). Чунон ки мо аллакай ҳангоми шарҳи Нома ба Румиён 4,12 гуфта будем, Худованд Исо дар Юҳанно 8,33-39 яҳудиёнро ҳамин хел тақсим кард. Онҳо ба вай гуфтанд: «Мо фарзандони Иброҳим ҳастем ...» (ояти 33). Исо бо ин розӣ шуд: «Медонам, ки шумо фарзандони Иброҳим ҳастед» (ояти 37). Лекин ҳангоме онҳо гуфтанд, ки «Падари мо Иброҳим аст», Худованд ҷавоб дод: «Агар шумо фарзандони Иброҳим мебудед, амалҳои Иброҳимро ба ҷо меовардед» (ояти 39). Бо ибораи дигар, онҳо аз насли Иброҳим буданд, лекин ба Иброҳим боварӣ надоштанд ва фарзандони рӯҳонии вай набуданд.

**9,8** Ҳамин тариқ, баромади табиӣ аҳамият надорад. Исроили ҳақиқӣ аз он яҳудиёне иборат аст, ки Худо онҳоро интихоб намудааст ва чун *фарзандони* Худ қабул карда, ба онҳо *ваъдаҳои* Худро додааст. Мо принсипи интихоби соҳибихтиёронаи Худоро дар мисоли Исҳоқ ва Яъқуб мебинем.

**9,9** Худо ба Иброҳим зоҳир шуд ва ваъда дод, ки Ӯ дар *вақти* муайяншуда бармегардад ва *Соро писардор мешавад*. Ин *писар,* албатта, Исҳоқ буд. Вай дар ҳақиқат фарзанди *ваъда* буд, ки ба тарзи муъҷизанок зода шуд.

**9,10** Мисоли дигари интихоби осмониро мо дар мисоли Яъқуб меёбем. Волидони вай *Исҳоқ* ва *Ривқо* буданд, лекин *Ривқо* дар *батни* худ *ду* писар дошт, на ин ки якто.

**9,11** Хости Худо *пеш аз таваллудшавии* кӯдакон эълон шуда буд. Ва табиист, ки ин интихоб ба амалҳо ва хизматҳои кӯдак ҳеҷ вобастагӣ надошт. Худо танҳо аз рӯи хости Худ интихоб кард, на ин ки дар асоси хислат ё дастовардҳои интихобшуда. *«Нақшаи Худо дар интихоб»* карори Ӯро оид ба тақсимоти марҳамат мувофиқи хоҳиши соҳибихтиёрона ва эҳсони Ӯ ифода мекунад.

Зимнан, ин оят фикреро, ки Худо амалҳои ояндаи Яъқубро пешакӣ дониста, вайро интихоб кардааст, инкор мекунад. Ин ҷо равшан навишта шудааст, ки *интихоб на аз корҳо* буд.

**9,12** Худо қарор дод, ки *калонӣ* ба *хурдӣ хизмат мекунад.* Эсов ба Яъқуб тобеъ карда шуд. Вай бошад барои шуҳрат ва имтиёзҳои заминӣ интихоб шуда буд. Эсов аз ду бародар якум зода шуд ва бояд эҳтиром ва имтиёзи нахустзодагиро соҳиб мешуд. Лекин Худо на вайро, балки Яъқубро интихоб кард.

**9,13** Барои бори дигар таъкид кардани мустақилияти интихоби Худо, Павлус аз Малокӣ 1,2.3 иқтибос меорад: «Яъқубро Ман дӯст доштам, аммо Эсовро бад дидам». Дар ин ҷо Худо оид ба ду миллат сухан меронад – Исроил ва Адӯм, ки падарони онҳо Яъқуб ва Эсов буданд. Худо қарор дод, ки Исроил ҳамон халқе мешавад, ки аз он Масеҳ пайдо мешавад ва дар байни он Подшоҳии Масеҳро барпо мекунад. Ба Адӯм ин гуна ваъдаҳо дода нашудаанд. Баръакс, кӯҳҳо ва мулки вай хароб ва ба шағолҳо дода шуда буданд (Мал. 1,3; ҳамчунин Ирм. 49,17.18; Ҳиз. 35,7-9).

Ва ҳарчанд ин оят аз китоби Малокӣ нишон медиҳад, ки чӣ хел Худо тақдири халқҳоро, на ин ки шахсиятҳои алоҳидаро, пешакӣ муайян мекунад, бо вуҷуди ин Павлус аз он истифода мебарад, то ҳуқуқи Худоро дар интихоби сарнавишти одамони муайян нишон диҳад.

Калимаҳои *«Яъқубро Ман дӯст доштам, аммо Эсавро бад дидам»-ро* аз нуқтаи назари интихоби пешакии Худо фаҳмидан зарур аст, ки дар ваъдаи Ӯ изҳор гардидааст: *«Калонӣ бандаи хурдӣ мешавад»*. Интихоби Яъқуб дар муҳаббат ба вай асос ёфтааст, рад шудани Эсов бошад дар муқоиса бо муҳаббат ба Яъқуб чун нафрат менамояд. Худо Эсовро бо кинаи сиёҳ бад надидааст, балки вайро нисбат ба Яъқуб камтар дӯст медошт, ки аз интихоби Ӯ бармеояд.

Ин порча оид ба баракатҳои заминӣ сухан меронад, на оид ба ҳаёти абадӣ. Нафрати Худо ба Адӯм умуман маънои онро надорад, ки адумиён наметавонанд наҷот ёбанд, ва ҳамчунин муҳаббати Ӯ ба Исроил низ маънои онро надорад, ки исроилиён муҳтоҷи наҷот нестанд. (Дар воқеъ, Эсов оқибат баракати Худоро гирифт, чунон ки вай дар Ҳастӣ 33,9 тасдиқ мекунад).

**9,14** Расул дуруст пешбинӣ мекард, ки суханҳои вай оид ба интихоби мустақил эътирозҳои зиёди гуногунро ба вуҷуд меоранд. Одамон то ҳол Худоро доимо дар беинсофӣ айбдор мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки агар Худо касеро интихоб кунад, он гоҳ дигаронро, мутобиқан, лаънат мегӯяд. Ҳамчунин шунидан мумкин аст, ки агар Худо ҳама чизро пешакӣ муқаррар карда бошад, он гоҳ аллакай ягон кор кардан намешавад ва дар ин сурат одамонро дар ягон чиз айбдор кардан аз рӯи адолат намешавад.

Павлус қотеона ҳар гуна фикри *беинсофиро* аз тарафи *Худо* рад мекунад. Лекин ба ҷои он ки суханҳоро оид ба интихоби Худо каме нарм кунад ва онҳоро барои мусоҳибон форамтар кунад, вай нотарсона, бидуни ягон хел узрхоҳӣ ҳимояи ақидаи хешро идома медиҳад.

**9,15** Дар баробари ин вай суханҳои Худоро ба Мусо иқтибос меорад: *«Ҳар киро марҳамат кардан хоҳам, марҳамат мекунам; ба ҳар ки меҳрубонӣ кардан хоҳам, меҳрубонӣ мекунам»* (ниг. Хур. 33,19). Кӣ гуфта метавонад, ки Худои баландмақом, Худованди осмон ва замин ҳуқуқи афв ва раҳм кардан надорад?

Ҳамаи одамон барои гуноҳҳои худ ва беимонӣ маҳкум карда шудаанд. Агар онҳо ба ҳоли худ мемонданд, ҳамаашон ҳалок мешуданд. Лекин ғайр аз он ки Худо Хушхабарро оид ба наҷот ба ҳамаи одамон пешниҳод мекунад, Ӯ ҳамчунин баъзе аз ин маҳкумшудагонро чун объекти махсуси файзи Худ интихоб мекунад. Аммо ин тамоман маънои онро надорад, ки Ӯ ба таври автоматӣ маҳкумшавиро барои ҳамаи боқимондаҳо интихоб мекунад. Маҳкумият барои беимонӣ ва ҳамаи гуноҳҳои дар ҳаёт содиркардаашон насиби онҳо мегардад. Интихобшудагон танҳо метавонанд Худоро барои марҳамати ӯ шукрона гӯянд. Ҳалокшудагон метавонанд танҳо худро айбдор кунанд.

**9,16** Ҳамин тариқ, тақдири охирини одамон ва ҳатто халқҳо на ба қуввваи иродаи онҳо ва на ба кӯшишҳои онҳо вобаста аст, балки фақат ба *марҳамати Худо*.

Ҳангоме Павлус менависад, ки афв на ба *майл* вобаста аст, вай дар назар надорад, ки хоҳиши инсон барои наҷоти вай аҳамияте надорад. Даъвати Хушхабар бевосита ба иродаи одам нигаронида шудааст, чунон ки мо дар Ваҳй 22,17 мебинем: «... ҳар кӣ бихоҳад, оби ҳаётро муфт бигирад». Исо яҳудиёни беимонро дар ин фош кард, ки намехоҳанд назди ӯ биёянд (Юҳ. 5,40). Афв ба *саъю кӯшиш* вобаста нест гуфта, Павлус умуман инкор намекунад, ки мо бояд барои ба дарвозаҳои танг даромадан саъю кӯшиш кунем (Луқ. 13,24). Албатта, мо бояд миқдори муайяни майлу хоҳиши рӯҳонӣ дошта бошем. Лекин ирода ва кӯшишҳои инсон омилҳои ҳалкунанда нестанд: Наҷот ба Худованд тааллуқ дорад. Морган менависад.

*Ҳеҷ як хоҳиши мо, ҳеҷ як кӯшиши мо наметавонад наҷоти моро таъмин кунад ва қудрат надорад бароямон сӯи баракатҳои вобаста ба он роҳ кушояд. Худ аз худ мо ҳатто намехостем наҷот ёбем ва кӯшиш ҳам намекардем ба он расем. Ҳама чиз дар наҷоти одам аз Худо бармеояд.*[33]

**9,17** Ҳокимияти фарогири Худо на танҳо дар зоҳиршавии марҳамат, балки дар сангдилшавии дигарон низ дида мешавад. Ин ҷо ҳамчун мисол *фиръавн* аз назар гузаронида мешавад.

Албатта, сухан дар бораи он намеравад, ки ҳукмрони Миср аз рӯзи зода шудан маҳкум шуда буд. Ана чӣ ҳодиса рӯй дод. Вай калонсол буда, худро бадхашм, сангдил ва ниҳоят якрав нишон дод. Ба таъкидҳои сахт нигоҳ накарда, вай дар сангдилии худ собит буд. Худо метавонист вайро дар як мижа задан нест кунад, лекин инро накард. Баръакс, вайро зинда мононд, то ки дар вай *қуввати Худро* нишон диҳад ва ба воситаи вай номи Худо дар ҳама ҷо маълум гардад.

**9,18** Чанд маротиба фиръавн паёпай дили худро сахт мекард, ва пас аз ҳар дафъа Худо фиръавнро ба таври илова сангдил мекард, ва бо ҳамин вайро ҷазо медод. Худи ҳамон офтобе ки яхро об мекунад, гилро низ хушк мекунад. Дар зери ҳамон як офтоб ранги матоъ мепарад, пӯст бошад месӯзад. Худи ҳамон Худо, ки одамонро афв мекунад, бо дили пуртаассуф дилҳои тавбанакардаро сангин мекунад. Рад кардани файз рӯй гардондан аз он аст.

Худо ҳақ дорад *марҳамати* Худро ба касони мехостагиаш нишон диҳад, ва онҳоеро, ки хоҳад, *сангдил* кунад. Лекин, азбаски Ӯ Худост, ҳеҷ гоҳ рафтори ноҳақ намекунад.

**9,19** Таъкидҳои боисрори Павлус оид ба ҳуқуқи Худо, ки мувофиқи хости Худ рафтор мекунад, эродҳои зеринро ба миён оварда метавонанд: Агар ин тавр бошад, пас Худо ҳеҷ касро гуноҳкор ҳисобида наметавонад, чунки ҳеҷ кас наметавонад ба *хости Ӯ* зид бароянд. Мусоҳиб одамро чун пиёдае дар тахтаи шоҳмоти Худо муаррифӣ мекунад. Ягон хел сухан ва амалҳо тақдири вайро тағйир додан наметавонад.

**9,20** Дар навбати аввал расул ҳавобаландии инсонро маҳкум мекунад, ки ҷуръат намудааст хатоҳои Офаридгори худро биҷӯяд. Одами ноқисулақл, ки дар банди гуноҳ, ҷоҳилӣ ва нотавонии худ аст, ҳатто ҳақ надорад хирадмандона, одилона будани амалҳои *Худоро* баҳо диҳад ё ба он шубҳа кунад.

**9,21** Сипас Павлус, обрӯву эътибори Худоро нишон доданӣ шуда, аз муқоисаи *кӯзагар ва гил* истифода мебарад. Тасаввур мекунем, ки як вақт, субҳидам, *кӯзагар* ба устохонаи худ меояд ва дар рӯи фарш кулӯлаи калони бешакли гилро мебинад. Вай як қисми ин гилро мегираду ба чархи худ мегузорад ва аз он *зарфи* зебое меофарад. Магар вай ба ин кор ҳақ дорад?

*Кӯзагар,* албатта, Худост. *Гил* инсонияти гуноҳкор ва ҳалокшуда. Агар *кӯзагар* ба вай даст намерасонд, вай ба дӯзах мерафт. Ва Ӯ, маҳз ҳамин хел рафтор карда, комилан ҳақ мебуд. Лекин ба ҷои ин Ӯ қарор медиҳад як қисми ин гуноҳкоронро гираду аз рӯи марҳамати Худ наҷот диҳад ва ба онҳо сурате диҳад, ба монанди Писари Худаш. Магар Ӯ ба ин кор ҳақ дорад? Фаромӯш накунед: Ӯ ҳеҷ касро ба дӯзах маҳкум намекунад. Одамон худашонро бо хости худ ва беимонии худ маҳкум мекунанд.

Худо ҳукм ва *ихтиёри* комил дорад, ки аз як қисми гил *зарфе иззатнок* созад, ва аз дигараш *зарфе беиззат.* Дар ҳолате ки ҳама сазовор нестанд, Ӯ ихтиёр дорад баракатҳои Худро ба касони мехостааш бидиҳад, ва ё додани ин баракатҳоро боздорад. Барнс менависад: *«Дар ҳолате ки ягон шахси сазовор нест, чизи зиёде ки талаб карда метавонем, он аст ки Ӯ ба ягон кас рафтори ноҳақ накунад».*[34]

**9,22** Павлус *Худоро,* Кӯзагари бузургро, дар назди мушкилии зоҳирии интихоб тасвир мекунад. Аз як тараф, гуноҳро ҷазо дода, Ӯ кӯшиш мекунад *ғазабашро нишон диҳад ва тавоноии Худро ошкор созад.* Лекин аз тарафи дигар, Ӯ мехоҳад пурсабриро нисбати *зарфҳои ғазаб, ки барои ҳалокат муҳайё шудаанд,* зоҳир намояд. Мо дар ин ҷо бо ҳам бархӯрдани ғазаби барҳақи Худо ва пурсабрии меҳрубононаи Ӯро мебинем. Ва ин ҷо саволи зерин далел аст: «Агар Худо дарҳол гуноҳкоронро комилан одилона ҷазо дода тавонад, аммо ба ҷои он нисбати онҳо пурсабрӣ зоҳир кунад, кӣ метавонад Ӯро барои ин айбдор кунад?»

Ба ин ибора эътибор диҳед: *«зарфҳои ғазаб, ки барои ҳалокат муҳайё шудаанд». Зарфҳои ғазаб* одамоне мебошанд, ки гуноҳҳояшон *ғазаби* Худоро меорад. Аммо на қарори мустабидонаи Худо, балки худи онҳо бо гуноҳҳои шахсиашон, беитоатиашон ва муқобилаташон худро ба *ҳалокат* омода сохтаанд.

**9,23** Кӣ метавонад Худоро дар он айбдор кунад, ки Ӯ мехоҳад *фаровонии ҷалоли Худро* ба шахсоне зоҳир кунад, ки ба онҳо *марҳамат* мекунад, ба шахсоне ки Ӯ онҳоро пешакӣ *барои ҷалоли* осмонӣ *омода кардааст?* Дар ин ҷо ба мо эзоҳи Эрдман кӯмак карда метавонад:

*Соҳибихтиёрии Худо ҳеҷ гоҳ дар айбдоркунии онҳое ки бояд наҷот меёфтанд, зоҳир намегардад, балки дар наҷотдиҳии онҳое зоҳир мешавад, ки бояд ҳалок мешуданд.*[35]

Худо зарфҳои ғазабро барои ҳалокат тайёр намекунад, балки Ӯ *зарфҳои марҳаматро* барои *ҷалол* омода месозад.

**9,24** Павлус зарфҳои марҳамат гуфта моро меномад, масеҳиёнро, ки Худо аз яҳудиён ва аз ғайрияҳудиён *даъват намудааст.* Дар ин ҷо вай барои мавзуи оянда асос мегузорад: тамоми Исроил, ғайр аз бақияи хурде, дар як сӯ гузошта мешавад, ва ба мақоми олӣ *халқҳо* (ғайрияҳудиён) даъват карда мешаванд.

**9,25** Расул ду оятро аз Ҳушаъ иқтибос меорад, то нишон диҳад, ки даъватшавии бутпарастон набояд яҳудиёнро дар ҳайрат мегузошт. Ояти якум мегӯяд: «... онҳоеро, ки қавми Ман нестанд, қавми Худ хоҳам хонд, ва онро ки маҳбуба нест, маҳбуба хоҳам хонд» (Ҳуш. 2,23). Умуман ин иқтибос ба Исроил тааллуқ дорад, на ба ғайрияҳудиён. Исроил расидани он замонро мунтазир аст, ки Худо вайро дар сифати халқи дӯстдоштаи Худ барқарор мекунад. Лекин дар ин ҷо Павлус ин оятро ба даъватшавии ғайрияҳудиён нисбат медиҳад. Чӣ ба Павлус имкон медиҳад, ки ин гуна тағйироти куллиро ворид кунад? Ҷавоб дар он

аст – Рӯҳулқудсе ки сабти якуми ин суханонро илҳом бахшид, ҳуқуқ дорад онҳоро дертар ба маънои дигар истифода барад.

**9,26** Ояти дуюм аз Ҳушаъ 1,10 оварда мешавад: *«Ва дар он ҷое ки ба онҳо гуфта шудааст: Шумо қавми Ман нестед, онҳо фарзандони Худои зинда номида хоҳанд шуд»*. Боз ҳам дар истифодаи худ дар Аҳди Қадим ин оят на дар бораи ғайрияҳудиён, балки дар бораи он мегӯяд, ки Исроил дар оянда ҳамчун халқи Худо барқарор карда мешавад. Лекин, бо вуҷуди ин, Павлус онро истифода бурда, тасвир менамояд, ки чӣ хел Худо ғайрияҳудиёнро чун писарони Худ қабул мекунад. Ин боз як мисоли он аст, ки чӣ хел Рӯҳулқудс, ояти Аҳди Қадимро дар Аҳди Нав такрор карда, комилан асоснок маънои мехостаашро дода метавонад.

**9,27** Дар оятҳои 27 то 29 радшавии тамоми Исроил баррасӣ карда мешавад, ғайр аз бақияи хурде. *Ишаъё* пешгӯӣ кардааст, ки танҳо шумораи ками фарзандони *Исроил наҷот хоҳад ёфт,* ҳатто агар халқ ба шумораи беҳисоб афзояд ҳам (Иш. 10,22).

**9,28** Ҳангоме ки Ишаъё менавишт: *«Зеро ки Худованд коре ба анҷом мерасонад ва ба зудӣ аз рӯи адолат ҳал мекунад, кори қатъие бар замин мекунад»* (Иш. 10,23), вай ба Фаластин зада даромадани бобилиёнро ва пас аз он асир шудани исроилиҳоро дар назар дошт. Ин *кор* кори доварии Худо буд. Ин оятҳоро иқтибос оварда, Павлус дар назар дорад, ки он чи он рӯзҳо бо Исроил рӯй дода буд, метавонад боз ба амал ояд ва ин дар замони вай хоҳад буд.

**9,29** *Чунон ки Ишаъё* дар қисми аввали пешбинии худ *пешгӯӣ кардааст, агар Худованди* лашкари осмон баъзе аз исроилиёнро *боқӣ намегузошт,* Исроил мисли *Садӯм* ва *Амуро* нест карда мешуд (Иш. 1,9).

**9,30** Аз ҳамаи ин гуфтаҳо *чӣ* хулосае бармеояд, мепурсад Павлус, агар давраи имрӯзаи калисоро дар назар дорем? Аз як тараф, *халқҳое* (ғайрияҳудиёне) ки на ба ростқорӣ, балки ба бадӣ майл дошта, бар хилофи тасаввуроти худ оид ба ростқорӣ амал мекарданд, ба воситаи *имон* ба Худованд Исои Масеҳ *ростқорӣ ба даст овардаанд*. Албатта на ҳамаи ғайрияҳудиён сафед карда шуданд, балки фақат онҳое ки ба Масеҳ бовар карданд.

**9,31** *Исроил* бошад, аз тарафи дигар, кӯшиш мекард бо риояи шариат дорои *адолат* шавад, вале ҳеҷ *шариатеро* наёфт, ки ба воситаи он дар ҳақиқат сафед карда шудан мумкин бошад.

**9,32** Сабабаш аён аст. Онҳо нахостанд бовар кунанд, ки сафедшавӣ метавонад аз рӯи *имон* ба Масеҳ дода шавад, ва якравона кӯшиш мекарданд ростқориро ба воситаи амалҳои худ соҳиб шаванд. Ва онҳо ба *санги пешпое пешпо хӯрданд,* ба Худованд Исои Масеҳ.

**9,33** Худованд ба воситаи Ишаъё маҳз ҳаминро пешгӯӣ кард. Ба Уршалим омадани Масеҳ бояд натиҷаи дутарафа медошт. Барои баъзеҳо Ӯ бояд *санги пешпо ва харсанги васваса* мешуд (Иш. 8,14). Дигарон бошанд *ба Ӯ* бовар мекунанд, ва ин барои онҳо сабаби *шарманда* шудан, ранҷурӣ ва ноумедӣ намегардад (Иш. 28,16).

### Б. Имрӯзаи Исроил (Б. 10)

**10,1** Ба яҳудиёне ки ба Масеҳ бовар накарда буданд, ин таълимот табъи дил набуд. Онҳо Павлусро хоин ва душмани Исроил мешумурданд. Аммо худи вай *бародарони* худ дар Масеҳро, ки ин нома ба онҳо равона шудааст, бовар мекунонд, ки доимо ба *Худо барои наҷот ёфтани Исроил дуо* мекунад, ки ин ба дили вай шодии изҳорнашаванда хоҳад овард.

**10,2** Ҳаргиз яҳудиёнро дар бехудоӣ ва бединӣ айбдор накарда, Павлус шаҳодат медиҳад, ки онҳо *рашки Худоро* доранд. Ин аз ҳисси бадбинии онҳо нисбати ҳар гуна таълимоти мухолиф бармеомад, ва низ аз он ки онҳо оину маросимҳои дини яҳудиро бо ҷидду ҷаҳд ба ҷо меоранд. Лекин ғайрат ҳанӯз на ҳама чиз аст, вай бояд бо ҳақиқат вобаста бошад, чунки дар акси ҳол аз вай нисбат ба фоида бештар зарар мешавад.

**10,3** Маҳз дар ҳамин ҷо онҳо пешпо хӯрданд. Онҳо *ростқории Худоро* дарк намекарданд, намефаҳмиданд, ки Худо ростқориро на дар асоси амалҳо, балки дар асоси имон ба ҳисоб мегирад. Онҳо мехостанд бо иҷрои шариат соҳиби *ростқории худ* шаванд. Онҳо мехостанд бо кӯшишу ғайрати худ, ахлоқ ва корҳои хубашон сазовори лутфи Худо шаванд. Онҳо ба нақшаи Худо, ки ваъда дода буд гуноҳкорони исёнкори ба Писари Ӯ бовар мекардаро ростқор ҳисобад, якравона итоат кардан намехостанд.

**10,4** Агар онҳо ба Масеҳ бовар мекарданд, мефаҳмиданд, ки маҳз ӯ *анҷоми шариат* аст, ки *росткориро* медиҳад. Мақсади шариат гуноҳро муайян кардан, ҷиноятконронро айбдор ва маҳкум кардан аст, лекин он ҳеҷ касро росткор карда наметавонад. Вайрон кардани шариат бо марг ҷазо дода мешавад. Бо марги Худ Масеҳ он ҷазоеро дид, ки вайронкунандагони шариат сазовор буданд. Вақте ки гуноҳкор Худованд Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард, шариат ҳукми худро бар вай гум мекунад. Ба шарофати қурбонии ивазкунанда вай барои шариат мурд. Ӯ абадан аз шариат ва аз кӯшишҳои бефоидаи ба воситаи он дастрас кардани росткорӣ ҷудо шуд.

**10,5** Фарқи байни калимаҳо оид ба шариат ва калимаҳо оид ба имон ҳатто дар худи забони Аҳди Қадим дида мешавад. Мисол, дар Ибодат 18,5 *Мусо менависад,* ки шахсе ки ба дараҷаи росткории матлуби *шариат* мерасад, дар асоси он *зинда мемонад.* Ин ҷо маҳз иҷро намудан, яъне корҳо кардан, таъкид карда мешавад.

Албатта, ин ақида вазъияти идеалиро нишон медиҳад, ки барои одами гуноҳкор дастнорас аст. Ин ҷо фақат гуфта мешавад, ки агар инсон доимо ва дар ҳама чиз шариатро риоя карда метавонист, барои ба марг маҳкум кардани ӯ ҳеҷ сабабе намебуд. Лекин шариат ба онҳое дода шуда буд, ки аллакай гуноҳ кардаанд ва аллакай ба марг маҳкум шудаанд. Ҳатто агар аз рӯзи гирифтани шариат онҳо онро бечуну чаро риоя мекарданд ҳам, ҳалок мешуданд, зеро Худо барои гуноҳҳои пештара низ товон металабад. Ҳар гуна умеди одам барои ба росткорӣ соҳиб шудан аз ибтидо ба нокомӣ маҳкум аст.

**10,6** Барои он ки фарқи забони имонро аз забони шариат нишон диҳад, Павлус Такрори Шариат 30,12.13-ро мисол меорад, ки он ҷо навишта шудааст:

*Он дар осмон нест, ки бигӯӣ:*
*«Кист ки барои мо ба осмон боло рафта, онро барои мо гирад, ва онро ба мо шунавонад, то ки онро ба амал оварем?»*
*Ва он дар он тарафи баҳр нест, ки бигӯӣ:*
*«Кист ки барои мо ба он тарафи баҳр гузашта, онро барои мо гирад, ва онро ба мо шунавонад, то ки онро ба амал оварем?»*

Ҷолиби диққат аст, ки дар китоби Такрори Шариат ин оятҳо ба имон ё Инҷил тааллуқ надоранд. Дар он ҷо онҳо оид ба шариат мегӯянд, махсусан оид ба ҳукми «ба Худованд Худои худ бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ» бозгаштан (Так. Шар. 30,10). Худо мегӯяд, ки шариат на пинҳон, на дур ва на дастнорас аст. Ба осмон баромадан ва ё аз баҳр гузаштани кас зарур нест, то онро ёбад. Каломи Худо ин ҷост, наздик, ва иҷро шуданро интизор аст.

Аммо расул Павлус ин калимаҳоро ба Хушхабар нисбат медиҳад. Вай мегӯяд, ки забони *имон* аз кас талаб намекунад, ки *ба осмон* барояд, то ин ки *Масеҳро* ба замин *фурорад.* Аз як тараф, ин имкон надорад, аз тарафи дигар лозим ҳам нест, чунки Масеҳ аллакай дар замин зода шудааст!

**10,7** Такрори Шариат 30,13-ро мисол оварда, расул калимаҳои *«ки ба он тарафи баҳр мегузарад»-ро* ба *«ки ба ҷаҳони зерин поён меравад»* иваз менамояд. Бо ин вай зикр мекунад, ки Хушхабар аз шахс талаб намекунад, ки барои *Масеҳро аз мурдагон боло баровардан* ба қабр дарояд. Ин ҳамчунон имконнопазир ва нолозим аст, чунки Масеҳ аллакай аз мурдаҳо зинда шуда буд. Диққат диҳед, ки дар оятҳои 6 ва 7 ду таълимот оид ба Масеҳ оварда шудаанд, ки қабул кардани онҳо барои яҳудиён беш аз ҳама душвор буд, таҷассум ва растохези Масеҳ. Лекин барои наҷот ёфтан онҳо бояд бо инҳо розӣ шаванд. Мо ин қонунҳоро боз дар оятҳои 9 ва 10-и ҳамин боб вомехӯрем.

**10,8** Агар Инҷил аз одам ягон чизи иҷронашавандаро ё ягон чизи аллакай содиршудаpо талаб накунад, пас вай *чӣ мегӯяд?*

Ва боз Павлус оятро аз боби 30-юми Такрори Шариат иқтибос меорад, то нишон диҳад, ки калом оид ба наҷот *наздик,* дастрас ва фаҳмост. Вай метавонад дар суҳбати одӣ изҳор гардад *(«дар даҳони ту»)* ва фаҳмо аст *(«дар дили ту»)* (Так. Шар. 30,14). Ҳамин аст Хушхабар оид ба наҷот аз рӯи имон, ки Павлус ва расулҳои дигар тарғиб мекарданд.

**10,9** Дар ин ҷо гуфтаҳои боло хулоса карда мешаванд: Аввалан, бо факти ҷисми одамӣ гирифтани Худо розӣ шудан лозим аст, яъне Кӯдак дар гаҳвораи Байт-Лаҳм, яъне Худованди ҳаёт ва ҷалол *Исо,* ки дар Аҳди Нав тасвир шудааст, ҳамон *Худованди* Аҳди Қадим (Яҳува) аст.

Сониян, далели растохезро якҷоя бо тамоми натиҷаҳои аз он бармеомада эътироф

кардан лозим аст. *Худо Ӯро аз мурдагон бархезонд,* то исбот намояд, ки Масеҳ кори наҷотдиҳии моро бо муваффақият анҷом дод ва акнун талабҳои Худо пурра қонеъ гардонда шудаанд. *Бо дил* бовар кардан, яъне бо иштироки ақл, эҳсосот, ва ирода бовар кардан аст.

Маҳз бо даҳони худ эътироф мекунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон меоварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон бархезонд. Шахсият ва қурбонии Худованд Исои Масеҳро маҳз ҳамин хел қабул мекунанд. Ана ҳамин аст имони наҷотбахш.

Аксаран одамон савол медиҳанд: «Магар одам Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул карда, лекин Ӯро чун Худованд эътироф накарда, наҷот ёфта метавонад?» Навиштаи Муқаддас ҷонибдори онҳое нест, ки имон доранд, лекин ба шарти хурде: «Ман, албатта, Исоро Наҷотдиҳанда мешуморам, лекин Ӯро Худованди ҳама чиз ҳисоб кардан наметавонам». Аз тарафи дигар, онҳое ки ҳамчун Худованд эътироф кардани Исоро шарти наҷот меҳисобанд, бо муаммои зерин рӯ ба рӯ мешаванд: «То кадом дараҷа Исо бояд бар ман ҳукмфармоӣ кунад, то ман наҷот ёбам?» Хеле кам касон аз байни масеҳиён оид ба худ гуфта метавонанд, ки пурра ба Худованд тобеъ шудаанд. Вақте ки Хушхабарро мерасонем, мо бояд аниқ дарк намоем, ки шарти ягонаи наҷотёбӣ имон аст. Аммо дар айни замон қарзи мо ин аст – ҳам ба гуноҳкорон ва ҳам ба муқаддасон мудом гӯшрас кардани он, ки Масеҳ Худованд (Яҳува-Худо) аст, ва Ӯро чунин эътироф намудан лозим аст.

**10,10** Шарҳи ин мавзуъро идома дода, Павлус мегӯяд, ки *одам бо дили худ имон меоварад, то росткор шавад.* Ин ҷо сухан дар бораи розигии назариявӣ намеравад, балки оид ба эътирофи ҳақиқӣ бо тамоми ҳастии дохилӣ. Ҳамон вақте ки одам инро кунад, вай дарҳол сафед карда мешавад.

Сипас одам *бо даҳони худ эътироф мекунад,* ки ин барои наҷоти ӯст; яъне имондор ошкоро оид ба наҷоти амалишудаи худ шаҳодат медиҳад. Эътирофро шарти зарурии наҷот шумурдан мумкин нест, вале ин зуҳуроти ҷудонашавандаи чизи аллакай содиршуда аст: «Агар шумо ба Исои Масеҳ имон дошта бошед, он гоҳ, албатта, бояд дар бораи Ӯ гап занед». Ҳангоме ки касе дар ҳақиқат ба ягон чиз бовар кунад, вай ҳатман инро ба дигарон гуфтан мехоҳад. Агар одам ҳақиқатан аз олами боло зода шавад, ин шодии беҳад бузургест, ки онро пинҳон доштан ғайриимкон аст. Вай Масеҳро эътироф мекунад.

Навишта дар назар дорад, ки наҷотёфтагон оид ба наҷот ёфтани худ ошкоро шаҳодат медиҳанд. Ин ҷудонашаванда аст.

Келлӣ дар ин бора менависад:

*Агар бо даҳон чун Худованд эътироф намудани Масеҳ намебуд, мо оид ба наҷот гап зада наметавонистем; чунон ки Худованди мо гуфтааст: Касе ки имон оварда, таъмид гирад, наҷот меёбад.*[36]

Деннӣ инро чунин шарҳ медиҳад:

*Диле ки барои росткори имон дорад, ва даҳоне ки барои наҷот эътироф мекунад, на ду зуҳуроти гуногун, балки ду тарафи ҳамон як чиз аст.*[37]

Саволе пайдо мешавад: Чаро дар ояти 9 аввал дар хусуси эътироф гуфта шудааст, ва баъд дар хусуси имон, ҳангоме ки дар ояти 10 аввал дар хусуси имон гуфта мешавад, ва танҳо баъд дар хусуси эътироф? Ҷавоб хеле сода аст. Дар ояти нӯҳум оид ба таҷассум ва растохези Масеҳ гуфта мешавад, ва номбар шудани ин таълимот ба тартиби хронологӣ мувофиқ аст. Аввал таҷассум – Исо Худованд аст. Сипас растохез – Худо ӯро аз мурдагон зинда кард. Дар ояти 10 бошад сухан дар бораи ҳодисаҳое меравад, ки бо наҷоти гуноҳкор алоқаманданд. Аввало вай бовар мекунад, ва пас ошкоро *наҷоти* худро *эътироф* мекунад.

**10,11** Расул аз Ишаъё 28,16 иқтибос меорад, то зикр намояд, ки *ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, шарманда намешавад.* Фикри эътирофи ошкорои Масеҳ метавонад тарси шармандашавиро ба вуҷуд орад, вале акси ин ҳолат дуруст аст. Дар замин оид ба Масеҳ шаҳодат додани мо боиси он мегардад, ки Ӯ барои мо дар осмон шаҳодат хоҳад дод. Ва мо ноумед нахоҳем шуд. Калимаҳои дар ин оят истифодашудаи *«ҳар кӣ»* ҳамчун ҷузъи пайвандкунанда бо мавзуи оянда хизмат мекунанд: наҷот барои ҳама, ҳам барои яҳудиён, ҳам барои ғайрияҳудиён.

**10,12** Пештар мо аллакай хонда будем, ки ҳам ба яҳудиён, ва ҳам ба ғайрияҳудиён наҷот баробар зарур аст, чунки ҳама гуноҳ кардаанд (ниг. Рум. 3,23). Дар худи ҳамин ҷо мо мебинем, ки байни онҳо аз нуқтаи назари дастрас будани наҷот низ ҳеҷ *фарқе нест.*

Худованд ҳеҷ касро маҳдуд намекунад; Ӯ *Худованди ҳама* аст. Ӯ *пур* аз марҳамат ва файз аст *барои ҳамаи онҳое ки Ӯро мехонанд.*

**10,13** Барои нишон додани он ки Хушхабар ба ҳама дастрас аст, Павлус аз Юил 2,32 иқтибос меорад. Аз эҳтимол дур аст, ки ба ғайр аз он чи дар ин калимаҳо баён шудааст, ягон роҳи боз ҳам содатари наҷотро хостан мумкин бошад: *«ҳар кӣ номи Худовандро хонад, наҷот меёбад». Номи Худованд* гуфта, Худи Худованд дар назар дошта шудааст.

**10,14** Аммо ин гуна Хушхабар мавъизаи умумиро металабад. Чӣ тавр ба яҳудиён ва ғайрияҳудиён наҷотро пешкаш кунем, агар онҳо ҳеҷ гоҳ оид ба он нашунида бошанд? Асоси фаъолияти миссионерии масеҳиён маҳз дар ҳамин аст.

Дар силсилаи саволҳои *«чӣ гуна» (чӣ гуна хонанд ... имон оваранд ... бе воиз шунаванд)* расул боз як бор он қадамҳоро такрор мекунад, ки боиси наҷот ёфтани яҳудиён ва ғайрияҳудиён мегарданд. Агар онҳоро бо тартиби баръакс номбар кунем, ин равшантар мешавад.

Худо ходимони худро мефиристад.

Онҳо Хушхабар оид ба наҷотро мавъиза мекунанд.

Гуноҳкорон даъвати Худоро ба ҳаёти абадӣ дар Масеҳ мешунаванд.

Баъзе аз шунавандагон ба ин суханон бовар мекунанд.

Имондорон номи Худовандро мехонанд.

Онҳое ки номи Ӯро мехонанд, наҷот меёбанд.

Ҳоҷ менависад, ки ин далел дар қоидаи зерин асос ёфтааст: *«Агар Худо кореро ба анҷом расондан хоҳад, Ӯ воситаҳои барои ин кор лозимро низ хоҳон аст».*[38] Яъне, чунон ки мо аллакай зикр кардем, асоси фаъолияти миссионерӣ дар ҳамин аст. Ҳамин тариқ, Павлус ба ғайрияҳудиён расонидани Хушхабарро, ки аз нуқтаи назари яҳудиёни беимон номумкин аст, ҳимоя мекунад.

**10,15** Инак, моро Худо *фиристодааст.* Мо ба ин чӣ хел муносибат мекунем? Оё мо дорои он *пойҳои зебое* ҳастем, ки Ишаъё ба онҳое ки *аз осоиш башорат медиҳанд,* нисбат медиҳад (Иш. 52,7)? Ишаъё маҳз дар бораи Ӯ менависад, яъне дар бораи Масеҳ. Аммо дар ин ҷо, дар Нома ба Румиён, шахси танҳо ба шахси ҷамъ иваз карда шудааст. Он вақт, 2000 сол пеш, Ӯ Хушхабар меовард, имрӯз бошад ба олами ҳалокшаванда мавъиза намудани Хушхабар вазифа ва имтиёзи *мо* шудааст.

**10,16** *Лекин,* афсӯс мехӯрад Павлус, *на ҳама* исроилиён ба Хушхабар *гӯш карданд.* Ва пешгӯии Ишаъё ҳаминро мегӯяд: *«Худовандо! Кӣ ба ваъзи мо имон овардааст?»* (Иш. 53,1). Худи гузошташавии савол ҷавоброро дар назар дорад: *«На ҳама».* Кам касон ба эълони омадани якуми Масеҳ ҷавоби мусбат доданд.

**10,17** Аз Ишаъё иқтибос оварда, Павлус зикр мекунад, ки имоне ки оид ба он дар пайғамбарӣ гуфта шудааст, бояд дар асоси хабари *шунидашуда* тавлид мешуд, хабар бошад, дар навбати худ, аз *каломи Худо* оид ба Масеҳ бармеомад. Ҳамин тариқ, расул ба хулосае меояд, ки *имон аз шунидани паём аст,* ва *шунидани паём ба воситаи каломи Худост. Имон* ба одам ҳамон вақт меояд, ки вай хабарро оид ба Худованд Исои Масеҳ мешунавад. Ва он, албатта, дар *Каломи* навишташудаи *Худо* асос меёбад.

Аммо шунидани холӣ кифоя нест. Барои шунидани Каломи Худо бояд на танҳо бо гӯш шунавӣ, балки низ бо дил ва ақли кушода. Агар хоҳиши донистани ҳақиқати Худо бошад, Калом мисли ноқуси ростӣ садо медиҳад, ва худаш эътибори худро тасдиқ мекунад. Он гоҳ вай бовар хоҳад кард. Ва, албатта, он *шунидан,* ки ин ҷо сухан дар борааш меравад, ҳатмӣ нест ки маҳз шунидани табиӣ бошад; вай, масалан, метавонад хондани хабар ҳам бошад. Яъне «шунидан» Каломро ба ҳар навъе ки бошад, қабул кардан аст.

**10,18** Пас масъала дар чист? Наход яҳудиён ва ғайрияҳудиён мавъизаи Каломи Худоро *нашунидаанд?* Шунидаанд. Павлус калимаҳоро аз Забур 18,5 истифода мекунад, то нишон диҳад, ки онҳо наметавонистанд нашунаванд. Вай мегӯяд:

> *«Садои онҳо дар тамоми замин паҳн шуд,*
> *ва каломашон то ақсои дунё расид».*

Аҷиб аст, ки суханон аз Забур 18 на оид ба Хушхабар, балки оид ба шаҳодати ҳамагонии офтоб, моҳ ва ситораҳо оид ба ҷалоли Худост. Павлус бошад ин калимаҳоро дар ин ҷо оварда, бо ҳамин нишон медиҳад, ки дар замони вай онҳо ҳамчунин барои тасвири мавъизаи умумиҷаҳонии Инҷил низ дурустанд. Бо роҳнамоии Рӯҳулқудс вай бисёр иқтибосҳоро аз Аҳди Қадим ба қолаби дигар андохта истифода мебарад. Рӯҳе ки ин суханҳоро

навиштааст, албатта, ҳуқуқ дорад дар ояндa онҳоро ба таври дигар истифода барад.

**10,19** Даъватшавии ғайрияҳудиён ва Хушхабарро рад кардани аксари яҳудиён набояд исроилиҳоро ба таааҷҷуб меовард. Навиштаи онҳо айнан ин ҳодисаҳоро пешгӯӣ кардааст. Худо огоҳ мекард, ки дар исроилиҳо бо кӯмаки *он чи халқ нест, рашкро ба вуҷуд меоварад,* ва онҳоро ба воситаи ғайрияҳудиёни *бефаҳм ба хашм меоварад* (Так. Шар. 32,21).

**10,20** *Ишаъё* бошад боз ҳам қотеона баён мекунад: Худовандро ғайрияҳудиёне *ёфтанд,* ки ҳатто Ӯро намеҷустанд, ва Ӯ ба онҳое *зоҳир* шуд, ки ҳатто намекӯшиданд чизе оид ба Ӯ донанд (Иш. 65,1). Ҳамин тариқ, умуман ғайрияҳудиёне ки бо динҳои бутпарастонаи худ қонеъ буданд, сӯи Худо намешитофтанд. Вале ҳангоме ки онҳо Хушхабарро шуниданд, бисёрии онҳо инро ҳақиқатан қабул карданд. Бо ибораи дигар, назар ба яҳудиён миқдори бештари ғайрияҳудиён имон оварданд.

**10,21** Бар хилофи манзараи ғайрияҳудиёне ки дар назди Яҳува ҷамъ меоянд, Ишаъё Худовандеро тасвир мекунад, ки тамоми рӯз бо дастони дароз баҳри оғӯш гирифтани *Исроил* истод, вале танҳо ба беитоатӣ ва инкори якравона дучор шуд.

### В.Ояндаи Исроил (Б. 11)

**11,1** Оид баояндаи Исроил чӣ гуфтан мумкин аст? Оё рост аст, ки чунон ки баъзеҳо таълим медиҳанд, Худо тамоман аз халқи Исроил даст кашид ва акнун ҷои вайро калисо ишғол кард ва ҳамаи ваъдаҳои ба Исроил додашуда ба он гузаронида шудаанд?[39] Румиён 11 дар тамоми Навиштаи Муқаддас баёни қатъитаринест, ки ин фикрро рад мекунад.

Павлус мавзуиояндаро бо ин савол оғоз мекунад: «*Магар Худо* ҳамаи *қавми Худро рад кардааст?*» Яъне наход ҳар як исроилӣ рад карда шудааст? *Ҳеҷ гоҳ!* Гап дар он аст, ки ҳарчанд Худо халқи худро *рад кард,* ва дар 11,15 оид ба ин гуфта шудааст, ин маънои онро надорад, ки ӯ аз ҳама даст кашидааст. Худи Павлус мисоли равшани он аст, ки Худо ҳамаро бе истисно рад накардааст. Охир вай *исроилӣ* аст, *аз насли Иброҳим* ва *аз сибти Бинёмин.* Даъвоҳои исроилӣ будани вай раднопазиранд.

**11,2** Ҳамин тавр, мо қисми якуми ин оятро бояд чунин фаҳмем: «*Худо* тамоми *қавми Худро, ки пешакӣ шинохта буд, рад накардааст*». Ин суханҳо давраҳои *Илёсро* ба ёд меоранд, ҳангоме ки умуман тамоми халқ аз Худо рӯй гардонда, бутпарастӣ кард. Вазъият чунон мудҳиш буд, ки Илёс дар дуо халқи худро назди Худо на ҳимоя, балки айбдор мекард.

**11,3** Вай ба *Худованд* ёдрас кард, ки чӣ тавр исроилиён *пайғамбарони* Худоро ба хомӯш шудан маҷбур карданд, яъне онҳоро *куштанд,* ва *қурбонгоҳҳои* Худоро *вайрон* карданд. Ба ӯ чунин метофт, ки танҳо *як* овози ба Худо вафодор, овози ӯ, боқӣ мондааст, аммо ҳаёти ӯ низ зери хатари сахт буд.

**11,4** Дар асл вазъият он қадар ҳам тира набуд, чунон Илёс ба худ тасаввур мекард. Худо ба пайғамбар ёдрас кард, ки *ҳафт ҳазор мардро барои Худ нигоҳ доштааст,* ки ба тамоми халқ, ки Баалро парастиш мекарданд, мухолифати сахт менамуданд.

**11,5** Чизе ки он вақт ҳақ буд, ҳоло ҳам ҳақ аст: Худо ҳеҷ гоҳ бе *шоҳид* намемонад. Ӯ ҳама вақт барои эҳтиёт *бақияи* содиқе дорад, ки аз тарафи Ӯ ба воситаи *файзи Ӯ* интихоб шудаанд.

**11,6** Худо барои Худаш ин бақияро *на мувофиқи амалҳои* шахсоне ки ба он шомиланд, балки фақат бо хости соҳибихтиёронаи Худ – *мувофиқи файз,* интихоб кард. Ин ду қонун – *амалҳо* ва *файз* – инкоркунандаи ҳамдигаранд. Туҳфаро бо амал сазовор шудан имкон надорад. Чизи бепулро харидан намешавад. Чизеро, ки сазовор нестед, бо амалҳо соҳиб шудан мумкин нест. Хушбахтона, интихоби Худо на дар *амалҳо,* балки дар *файз* асос ёфтааст, зеро дар ҳолати дигар ҳеҷ кас интихоб намешуд.

**11,7** Инак, *Исроил* росткор шуда натавонист, зеро росткориро на дар асоси кори иҷрокардаи Масеҳ, балки дар аъмоли худ меҷуст. Ба бақияи аз тарафи Худо интихобшуда бошад росткорӣ аз рӯи имон ба Худованд Исо дода шуд. Он чиро, ки Исроил аз он ҷафо мекашид, нобиноии чун ҷазо фиристодашуда номидан мумкин аст. Масеҳро қабул кардан нахоста, онҳо қобилияту хоҳиши қабул кардани Ӯро гум карданд.

**11,8** Аҳди Қадим маҳз ҳаминро пешгӯӣ карда буд (Иш. 29,10; Так. Шар. 29,4). *Худо* онҳоро ба ҳолати *хоб* даровард, ки дар он онҳо

воқеияти рӯҳониро ҳис намекардагӣ шуданд. Азбаски онҳо ба Худованд Исо чун ба Масеҳ ва Наҷотдиҳандаи худ нигаристанро рад карданд, қобилияти дидани Ӯро гум карданд. Аз сабаби рад кардани шунидани даъватҳои Худо онҳо ба карии рӯҳонӣ гирифтор шуданд. Ва ин ҷазои мудҳиш *то имрӯз* идома дорад.

**11,9** *Довуд* ҳамчунин доварии Худоро бар Исроил тасвир мекунад. Дар Забур 68, 23.24 вай Наҷотдиҳандаи радшударо тасвир мекунад, ки аз Худо металабад, то *дастархони* онҳоро *ба банде* ва *доме* мубаддал кунад. Зери *дастархон* ин ҷо ҳамаи имтиёзҳо дар назар дошта шудаанд, ки шахс дар Масеҳ доро мешавад. Он чи бояд чун баракат хизмат мекард, барои Исроил ба лаънат мубаддал гашт.

**11,10** Дар худи ҳамон оят Наҷотдиҳандаи азобкашанда аз Худо илтиҷо мекунад, то иҷозат диҳад, ки *чашмони онҳо торик шаванд* ва *тахтапушти онҳо чун* аз пирӣ ва кори вазнин *хам шавад.*

**11,11** Дар ин ҷо Павлус саволи дигарро медиҳад: *«Оё онҳо ба дараҷае пешпо хӯрдаанд, ки фурӯ ғалтанд?»* Мо бояд фаҳмем, ки оё ин ҷо оид ба фурӯ ғалтидани ниҳоӣ ва абадӣ сухан меравад. Магар онҳо чунон пешпо хӯрдаанд, ки ғалтида, дигар ҳеҷ рост шуда натавонанд? Расул ин тахминро қатъиян рад мекунад. Худо барқароршавиро мехоҳад. Нақшаи Худо дар он аст, ки аз сабаби пешпо хӯрдани онҳо *наҷот ба халқҳо* (ғайрияҳудиён) дода мешавад, ва он *рашкро* дар Исроил бедор мекунад. Ин *рашк* барои он лозим аст, ки дар оянда халқи Исроил боз назди Худо оварда шавад.

Павлус пешпо хӯрдани Исроилро инкор намекунад. Бештар аз он, бо ибораи *«аз пешпохӯрии онҳо ба халқҳо наҷот омад»* вай ҳақиқати пешпо хӯрданро эътироф мекунад (ҳамчунин дар ояти оянда: «Агар пешпохӯрии онҳо сарвати ҷаҳон бошад»). Лекин дар айни замон Павлус бо исрор мегӯяд, ки Худо аз Исроил тамоман рӯй нагардондааст.

**11,12** Халқи Исроил барои аз Инҷил даст кашидан дур карда шуд, ва Хушхабар ба *халқҳо* гузашт. Маҳз ба ҳамин маъно *пешпохӯрии* яҳудиён ба олам сарват овард, ва шикасти Исроил барои халқҳо дастовард шуд.

Лекин агар ҳамаи ин ҳамин тавр бошад, пас барқароршавии Исроил барои ҷаҳон афзунии бештари баракатҳоро меорад! Ҳангоме дар охири Мусибати бузург Исроил ба Худо бозгашт мекунад, вай ба ҳамаи халқҳо баракат мешавад.

**11,13** Дар ин ҷо (11,13-24) Павлус ба *халқҳо* (ғайрияҳудиён) муроҷиат мекунад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ба масеҳиёни румии ғайрияҳудӣ равона шудааст, аммо худи мазмуни порча истеъмоли васеътареро дар назар дорад – умуман ҳамаи ғайрияҳудиёнро. Агар ин оятро аз ҳамин нуқтаи назар баррасӣ кунем, ки Павлус оид ба Исроил чун миллат ва оид ба ғайрияҳудиён чун гурӯҳи ба миллат монанд мегӯяд, ин порча ба мо фаҳмотар мешавад. Вай оид ба калисои Худо наменависад, чунки дар акси ҳол ояти 22 оид ба *бурида* шудани калисо мегуфт, ки бо Навишта мувофиқат намекунад.

Азбаски Павлус вазифаи *расули халқҳо-ро* иҷро мекард, бо онҳо ошкоро гап заданро тамоман табиӣ мешуморид. Вай бо ин фақат вазифаи худро иҷро кардан мехост.

**11,14** Расул воситаҳои гуногунро истифода бурд, то *рашки ҳамқавмони худро* бедор кунад ва имкон пайдо кунад ақаллан *баъзеи онҳоро наҷот диҳад. Ҳам* вай, ҳам мо мефаҳмем, ки худамон, албатта, ҳеҷ касро наҷот дода наметавонем. Аммо Худои наҷот бо намояндагони Худ чунон пайванди ногусастанӣ дорад, ки ба онҳо иҷозат медиҳад корҳоеро, ки танҳо Худи Ӯ ба ҷо оварда метавонад, аз они худ гӯянд.

**11,15** Дар ин ҷо Павлус бо суханҳои дигар мазмуни ояти 12-ро аз нав мефаҳмонад. Ҳангоме ки Исроил, халқи интихобшуда, аз тарафи Худо ба як сӯ гузошта шуд, ғайрияҳудиён мақоми имтиёзнокро назди Худо соҳиб шуданд ва, ба як ибора, оштӣ ба даст оварданд. Лекин, ҳангоме ки дар Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ Исроил дар мавқеи худ барқарор карда мешавад, ин барои тамоми олам чун зодашавии нав ва ё растохез мешавад.

Ин суханҳоро дар мисоли Юнус, ки намояндаи халқи Исроил мебошад, шарҳ додан мумкин аст. Вақте ки Юнусро ҳангоми туфон аз киштӣ берун партофтанд, киштии пур аз ғайрияҳудиён наҷот ёфт. Ва ҳангоме ки вай барқарор карда шуд ва дар Нинве мавъиза мекард, тамоми аҳли шаҳри ғайрияҳудӣ наҷот ёфтанд. Ҳамин тавр, муваққатан рад карда шудани Исроил боиси он шуд, ки Хушхабарро гурӯҳи нисбатан хурди ғайрияҳудиён қабул кард. Лекин, ҳангоме ки Исроил барқарор

карда мешавад, миқдори бешумори ғайрияҳудиён ба Подшоҳии Худо қабул карда мешаванд.

**11,16** Дар ин оят Павлус ду муқоисаро истифода мебарад. Якум бо *хамирмоя* ва *хамир,* дуюм бо *реша* ва *шохаҳо*. Ҳадияи навбар ва хамирмоя ба хамир тааллуқ доранд, на ба самар. Дар Ададҳо 15,19-21 мо мехонем, ки як қисми хамир бояд барои пешкаш ба Худо махсус ҷудо карда шавад. Фикри ин мисол чунин аст: агар як қисми хамир ба Худо пешкаш шуда бошад, тамоми хамир чунин ҳисобида мешавад.

Дар ҳолати мо хамирмоя Иброҳим аст. Вай муқаддас буд, яъне барои Худо махсус ҷудо карда шуда буд. Пас, худи ҳамин чиз ба тамоми насли интихобшудаи вай низ паҳн мегардид. Ҳамаи онҳо айнан ҳамин тавр барои мақоми имтиёзнок дар назди Худо махсус ҷудо карда шудаанд.

Муқоисаи дуюм бо *реша* ва *шохаҳо* вобаста аст. Агар *реша* махсус ҷудо карда шавад, он гоҳ *шохаҳо* ҳамчунин ҷудо карда мешаванд. Иброҳим *реша* буд, яъне аввалин касе ки Худо аз тамоми инсоният барои офаридани халқи нави аз дигарон фарққунанда ҷудо кард. Ва агар Худо Иброҳимро махсус ҷудо карда бошад, он гоҳ ин ба тамоми насли вай низ мувофиқи хатти (силсилаи) интихобшуда паҳн мегардад.

**11,17** Расул муқоисаро бо *реша* ва *шохаҳо* идома медиҳад.

Шохаҳои *шикаста* қисми беимони дувоздаҳ сибти Исроилро ифода мекунанд. Азбаски онҳо Масеҳро рад карданд, Худо онҳоро аз мақоми имтиёзноки халқи интихобшуда маҳрум кард. Лекин танҳо *баъзе аз шохаҳо* шикаста ҷудо шудаанд. Боқимондаи халқ, якҷоя бо Павлус, Худовандро қабул кард.

Бо мафҳуми *зайтуни ёбӣ* (даштӣ) ҳамаи ғайрияҳудиён дар назар дошта шудаанд, ки чун як халқ баррасӣ карда мешаванд. Онҳо ба зайтун *пайванд* карда шуда буданд.

Онҳо *ба решаву ширaи* он *шарик* шуданд. Алҳол ғайрияҳудиён дар он вазъи фахрие ҳастанд, ки аз аввал ба Исроил дода шуда буд ва ҳатто то имрӯз дар бақияи имондори Исроил нигоҳ дошта шудааст.

Барои фаҳмидани ин муқоиса бояд дар хотир дошт, ки танаи ин *зайтун* Исроил нест, балки силсилаи баракатҳои Худо дар давоми асрҳо аст. Агар тана Исроилро таҷассум мекард, он гоҳ сурати нофаҳмои халқи Исроил пайдо мешуд, ки аз Исроил шикаста ҷудо шудааст, ва пас аз нав ба худи Исроил пайванд карда шудааст.

Ҳамчунин бояд фаҳмем, ки *зайтуни ёбӣ* гуфта на калисоро номидаанд, балки тамоми халқҳои ғайрияҳудиро. Дар акси ҳол чунин тасаввуроте ба вуҷуд меомад, гӯё имкон дорад, ки имондорони ҳақиқӣ аз файзи Худо шикаста ҷудо карда шаванд. Павлус бошад равшан нишон дод, ки ин имконнопазир аст (Рум. 8,38.39).

«Тана хатти баракатҳои Худоро таҷассум мекунад» гуфта, мо зери ин «хат» чиро мефаҳмем? Худо қарор дод, ки одамони мушаххасро ҷудо кунад, то дар бари Ӯ ҷои махсусро гиранд. Онҳо аз дигарон ҷудо карда шуда, дорои баракатҳои махсус мегарданд ва аз мақоми имтиёзнок ҳаловат мебаранд. Дар ҳар як порчаи таърих Худо одамони Худро дорад.

Якумин шуда ин мақомро халқи Исроил соҳиб шуд. Вай халқи қадимтарини интихобшудаи Худо дар замин буд. Аз Масеҳ даст кашида, *баъзе шохаҳо шикаста шудаанд* ва мақоми «писари дӯстдошта»-ро гум кардаанд. Ба ҷои онҳо ғайрияҳудиён *пайванд* шуда буданд. Якҷоя бо яҳудиёни имондор онҳо ба *реша ва ширaи зайтун* шарик шуданд. *Реша* гуфта Иброҳимро номидаанд, ки ин «хатти баракатҳо» аз вай оғоз шудааст. *Ширaи* зайтун бошад ҳосилдиҳии онро, яъне ҳосили зиёди меваи зайтун ва равғани аз он мегирифтаро таҷассум мекунад. Дар ин ҷо зери мафҳуми *шира* имтиёзҳое дар назар дошта шудаанд, ки аз иттиҳод бо «зайтун» бармеоянд.

**11,18** Лекин дар айни замон ғайрияҳудиён бояд аз покии худ назди яҳудиён *мағрур нашаванд* ё бо афзалияти худ фахр накунанд. Ҳар гуна худтаърифкунӣ тамоман нафаҳмидани он далелест, ки онҳо асосан ба «хатти баракатҳо» тааллуқ надоштанд. Ба вазъи пурбаракат на худи онҳо ҷойгир шудаанд, балки онҳоро ҷойгир кардаанд.

**11,19** Павлус суханони ғайрияҳудии тасаввуршавандаро пешбинӣ мекунад: *«Шохаҳои* яҳудиён барои он *шикаста ҷудо шудаанд, то ман* ва бисёр дигарон ба ҷои онҳо *пайванд* шуда тавонем».

**11,20** Расул эътироф мекунад, ки ин гуфтаҳо аз як тараф дурустанд. Шохаҳои

яҳудиён *шикаста ҷудо шудаанд,* аммо шохаҳои ғайрияҳудиён пайванд шудаанд. Лекин ин аз *беимонии* Исроил рӯй дод, на ба шарофати ягон хел ҳуқуқи ғайрияҳудиён ба илтифоти Худо. Ғайрияҳудиён ҳамчун халқ дар натиҷаи *имон* пайванд карда шуда буданд. Чунин метобад, ки ибораи *«ба воситаи имон истодагӣ мекунӣ»* ба имондорони ҳақиқӣ тааллуқ дорад. Лекин дар ин ҷо маънои дигар низ ҷой дошта метавонад. Аён аст, ки бо ин суханҳо Павлус афзалияти имони ғайрияҳудиёнро бар имони яҳудиён нишон медиҳад. Мисол, Исо ба мирисад, ки ғайрияҳудӣ буд, гуфт: «Ман дар Исроил ҳам чунин имонро наёфтаам» (Луқ. 7,9). Ҳамчунин Павлус ба яҳудиёни румӣ эълон кард: «... бидонед, ки наҷоти Худо ба ғайрияҳудиён фиристода шудааст, ва онҳо хоҳанд шунид» (Аъм. 28,28). Диққат кунед: «ва онҳо хоҳанд шунид». Имрӯз халқҳои ғайрияҳудӣ Хушхабарро нисбат ба Исроил хубтар қабул мекунанд. Ва дар ин маъно *«истодагӣ кардан»* антоними «афтодан» аст. Исроил аз ҷои имтиёзноки худ афтод, ва ба худи ҳамин ҷой ғайрияҳудиён пайванд шуданд.

Аммо бигузор касе ки истодааст, имкони афтиданро фаромӯш накунад. Ғайрияҳудиён набояд мағрур шаванд, балки *битарсанд.*

**11,21** *Агар Худо* тавонист *шохаҳои табииро* аз дарахти интихобшуда бишканад, ягон хел асосе нест чунин ҳисобем, ки дар худи ҳамин хел шароит Ӯ ба шохаҳои зайтуни даштӣ амон диҳад.

**11,22** Ҳамин гуна, дар ин тамсил оид ба дарахти зайтун ба мо ду тарафи ба ҳам зидди хислати Худо кушода мешавад *некӯии Ӯ* ва *сахтгирии Ӯ. Сахтгирии* Ӯ дар он зоҳир шуд, ки Ӯ Исроилро аз мақоми халқи дӯстдошта маҳрум кард. *Некӯии* Ӯ бошад дар муроҷиати Ӯ бо Хушхабар ба ғайрияҳудиён дида мешавад (ниг. Аъм. 13,46; 18,6). Лекин *некӯии* Ӯро ҳамин тавр ба даст омада ҳисобидан мумкин нест. Агар ғайрияҳудиён самимияти худро ба Инҷил, ки Наҷотдиҳанда оид ба он ҳангоми хизмати заминии Худ ёфта буд (Мат. 8,10; Луқ. 7,9), нигоҳ надоранд, худи ҳамин хел метавонанд *бурида шаванд.*

Боз як бор ёдрас кардан даркор аст, ки Павлус ин ҷо на оид ба калисо мегӯяд ва на оид ба имондорони алоҳида. Вай умуман ғайрияҳудиёнро дар назар дорад. Ҳеҷ кас Бадани Масеҳро аз Сараш ҷудо карда наметавонад, ва ҳеҷ чиз наметавонад имондоронро аз муҳаббати Худо ҷудо кунад, лекин халқҳои ғайрияҳудӣ пурра метавонанд мавқеи ҳозираи имтиёзноки худро аз даст диҳанд.

**11,23** Дур шудани Исроил ҷовидона давом намекунад. *Агар* онҳо *беимонии* миллиашонро тарк кунанд, он гоҳ Худо сабабе нахоҳад дошт, то онҳоро дар ҷои имтиёзноки пештара аз нав барқарор накунад. Ин кор барои Худо ғайриимкон нест.

**11,24** Аслан дар вазъияти аввала барқарор шудани Исроил раванде хоҳад буд, ки нисбат ба пайванд шудани ғайрияҳудиён ба ин ҷой бештар табиист. Халқи Исроил дар дарахти меҳрубонии Худо шохаҳои аз ҳама аввалин буда, аз ин сабаб *шохаҳои табиӣ* номида шудааст. Шохаҳои ғайрияҳудӣ бошанд аз зайтуни *ёбоӣ* гирифта шудаанд. Ба дарахти *хуби* боғӣ пайванд шудани шохаҳои зайтуни даштӣ равиши ғайритабиист, ё чунон ки Павлус менависад, *бар хилофи табиат аст.* Агар шохаҳои аслӣ ба ҷои пештараи худ пайванд шаванд, ин ҳолати комилан табиӣ мешавад.

**11,25** Дар ин оят расул ба мо нақл мекунад, ки дар оянда барқарор шудани Исроил на фақат имконпазир аст, балки аниқ рӯй медиҳад. Бо худи ҳамин Павлус *сирро* мекушояд – ҳақиқатеро, ки пештар ба ҳеҷ кас маълум набуд ва онро кас бо ақли худ фаҳмидан наметавонад. Барои ҳамин ҳам имондорони ғайрияҳудӣ набояд худро хеле *доно пиндошта* ё тасаввур карда, ба яҳудиён таҳқиромез нигоҳ кунанд. Ин *сир* дар он аст: танҳо *як қисми Исроил ба сангдилӣ гирифтор шудааст.* Вай на ба ҳамаи миллат таъсир расондааст, балки фақат ба як қисми беимон.

Ин *сангдилӣ* муваққатист, чунки вай фақат то он дам давом мекунад, ки *шумораи пурраи ғайрияҳудиён* ҷамъ шаванд. *«Шумораи пурраи ғайрияҳудиён»* гуфта, замоне дар назар дошта шудааст, ки ба калисо аъзои охирини вай ҳамроҳ мешавад ва Бадани пурраи Масеҳ ба осмон гирифта мешавад. *Шумораи пурраи ғайрияҳудиёнро* аз «даврони ғайрияҳудиён» (Луқ. 21,24) бояд фарқ кард. Замони *шумораи пурраи ғайрияҳудиён* ба замони ба осмон гирифта шудани калисо мувофиқ аст. Замони ғайрияҳудиён бошад, давраи ҳукмронии онҳо бар яҳудиён аст, аз асорат дар Бобил (2Вақ. 36,1-21) то даме ки Масеҳ дубора ба замин барои ҳукмронӣ хоҳад омад.

**11,26** Ва агарчи баъди ба осмон гирифта шудани калисо сангдилӣ ва нобиноии Исроил аз байн меравад, ин маънои онро надорад, ки ҳар як яҳудӣ наҷот меёбад. Яҳудиён дар давраи Мусибати бузург бозгашт мекунанд, лекин тамоми бақияи интихобшуда то даме ки Масеҳ чун Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон ба замин наояд, дорои наҷот намешавад.

Дар бораи наҷот ёфтани *тамоми Исроил* сухан ронда, Павлус танҳо *тамоми Исроили* имондорро дар назар дорад. Қисми беимони он бошад ҳангоми омадани дуюми Масеҳ нобуд карда мешавад (Зак. 13,8.9). Фақат касе ки «Муборак аст оне ки ба номи Худованд меояд!» мегӯяд, ба Подшоҳӣ дохил шуда метавонад.

Ишаъё низ ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме оид ба Наҷотдиҳандае менавишт, ки ба *Сион* меояд ва ҷиноятҳои *Яъқубро* маҳв мекунад (Иш. 59,20). Диққат диҳед, ки ин ҷо дар бораи ба *Сион* омадани Масеҳ гуфта мешавад, на ба Байт-Лаҳм, яъне гап дар бораи омадани дуюми Ӯ меравад.

**11,27** Дар Ирмиё 31,33.34 оид ба ҳамон замонҳое гуфта шудааст, ки дар Ишаъё 27,9 зикр ёфтааст, яъне оид ба он, ки чӣ гуна Худо бо халқ *аҳди* нав баста, гуноҳҳои онҳоро нест мекунад.

**11,28** Инак, ҳолати кунунии Исроилро ҷамъбаст карда, мо метавонем гӯем, ки *ба сабаби Инҷил, онҳо душманонанд ба хотири шумо*. Онҳо *душманонанд* ба маънои радшавӣ, дуршавӣ аз меҳрубонии Худо, ҷудо шудан ба хотири он ки Инҷил дар байни ғайрияҳудиён паҳн гардад.

Аммо ин фақат нисфи манзараи умумист. *Ба сабаби интихоб, онҳо дӯстдоштагони* Худоянд *ба хотири падарон*, яъне Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб.

**11,29** Сабаби то имрӯз дӯстдошта будани онҳо дар он аст, ки Худо ҳеҷ гоҳ *бахшоишҳо* ва *даъватҳои* Худро бекор намекунад. Ӯ туҳфаҳои худро гардонда намегирад ва ваъдахилофӣ намекунад. Ӯ ба Исроил имтиёзоти махсус дод, ки дар боби 9,4.5 номбар шудаанд. Ӯ Исроилро даъват кард, ки халқи интихобкардаи Ӯ бошад (Иш. 48,12), ҷудо аз ҳама миллатҳои дигар. Ва ҳеҷ чиз наметавонад қарорҳои Худоро тағйир диҳад.

**11,30** Замоне ғайрияҳудиён халқи саркаш ва *беитоат* буданд, лекин баъд аз он ки Исроил Масеҳ ва Хушхабари наҷотро рад кард, Худо *марҳаматро* ба онҳо равона кард.

**11,31** Ба ҳамин монанд як пайдарпайии ҳодисаҳо дар оянда низ рӯй медиҳад. Аз пайи беитоатии Исроил афв меояд, ҳангоме ки дар исроилиён аз боиси ба ғайрияҳудиён *марҳамат* кардани Худо рашк бедор мешавад. Баъзеҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки Исроил дар натиҷаи аз тарафи халқҳои ғайрияҳудӣ зоҳир шудани меҳрубонӣ барқарор карда мешавад, аммо мо медонем, ки ин тавр нест. Барқарор шудани Исроил натиҷаи омадани дуюми Худованд Исо хоҳад буд (ниг. 11,26.27).

**11,32** Ҳангоме ин оятро бори аввал мехонӣ, тасаввуроте ҳосил мешавад, ки ҳам яҳудиён, ва ҳам ғайрияҳудиёнро Худо пешакӣ ба беимонӣ маҳкум кардааст ва чизеро дигаргун кардан мумкин нест. Лекин ин ҷо сухан на дар бораи ин аст. Худи онҳо беимониро интихоб карданд. Дар худи ҳамин оят гуфта шудааст, ки Худо на дар яҳудиён ва на дар ғайрияҳудиён имонро пайдо накарда, онҳоро ба ҳолате андохт, ки ғайр аз роҳи пешниҳодкардаи Худи Худо дигар чорае надоранд.

*Беитоатии* умумӣ бошад ба Худо имкон дод, ки *ба ҳама марҳамат кунад,* ки ин ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиёнро фаро мегирад. Вале, албатта, ин ҷо сухан дар бораи наҷоти умумӣ намеравад. Худо ба ғайрияҳудиён меҳрубонӣ зоҳир кард ва боз ба яҳудиён низ зоҳир мекунад, лекин ин далел наҷот ёфтани ҳар як шахсро кафолат намедиҳад. Ин ҷо фақат оид ба меҳрубонӣ ба халқҳо сухан меравад.

Ҷорҷ Вилямс менависад:

*Худо ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиёнро озмуд. Ва азбаски ҳеҷ кадоми онҳо аз ин озмун нагузаштанд, Ӯ онҳоро дар беимонӣ бубаст, то аз ҳама гуна имтиёз маҳрум буда, ва ҳар гуна даъво ва ҳар гуна ҳуқуқро ба марҳамати Худо гум карда, аз рӯи сарвати нопайдоканори файзи Ӯ афви Ӯро соҳиб гашта тавонанд.*[40]

**11,33** Ҳамду санои ниҳоӣ ба тамоми нома, ба ҳамаи амалҳои муъҷизаноки Худо, ки дар он ошкор шудаанд, дахл дорад. Павлус он нақшаи бемисли наҷотро, ки Худо аз рӯи он метавонад гуноҳкорони осиро, бар хилофи росткории Худ амал накарда сафед кунад, шарҳ дод. Вай ҳамчунин нишон дод, ки Масеҳ ба Худо ҷалоли бештар овард ва ба одамон баракати бештар аз он, ки ба воситаи гуноҳи

Одам гум карда буданд. Павлус тасвир намуд, ки чӣ гуна файзи Худо ҳаёти одамро дигаргун мекунад, ва шариат ин корро кардан наметавонад. Вай тамоми пайдарпайии нақшаи Худоро дида баромад – аз пешакӣ донистани Худо то ҷалолёбии ниҳоӣ. Вай таълимотро оид ба таъйиноти пешакии Худо дар алоқа бо ҳақиқати ҷавобгарии одам инкишоф дод. Ва, оқибат, расул росткорӣ ва ҳамоҳангии амалҳои Худоро дар таърихи Исроил ва халқҳои дигар нишон дод. Акнун беҳтарин охирсухан танҳо садоҳои мадҳ ва сурудҳои ҳамду сано хоҳанд буд.

*Ваҳ чӣ амиқ аст сарвати ҳикмат ва дониши Худо!*

*Сарвати Худо!* Худо ҳақиқатан аз марҳамат, муҳаббат, файз, вафодорӣ, қувват ва некӯӣ сарватманд аст.

*Ҳикмати Худо!* Ҳикмати Ӯ беинтиҳо, нопайдоканор, беҳамто ва тааррузнопазир аст.

*Дониши Худо! «Худо ҳамадон аст»,* менависад Артур В. Пинк. *«Вай ҳама чизро медонад: ҳама чизи имконпазирро, ҳама чизи рух диҳанда, ҳамаи ҳаводис ва ҳамаи офаридаҳои гузашта, оянда ва ҳозираро».*[41]

Қарорҳои Ӯ даркнашавандаанд, чунки ҳеҷ кас аз мирандагон наметавонад умқи онҳоро фаҳмад. *Роҳҳои* офариниш, таърих, халосӣ, пешбинии Ӯ аз ақли маҳдуди мо боло меистанд.

**11,34** Ҳеҷ як махлуқи офаридашуда наметавонад *афкори Худовандро дарк кунад,* агар худи Ӯ ба вай равшан накунад. Ва ҳатто баъд аз ин ҳам мо ҳама чизро гӯё аз паси шишаи ноаён ва тира мебинем (1Қур. 13,12). Ҳеҷ кас наметавонад ба Худо маслиҳат диҳад. Ӯ ба фикри мо муҳтоҷ нест, чунки хоҳ-нохоҳ дар он барои Ӯ нафъе нест (ниг. Иш. 40,13).

**11,35** Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки Худо аз ӯ ягон чиз қарз дорад (ниг. Айюб 41,3). Кадоме аз инъомҳои мо метавонад Абадзиндаро уҳдадор кунад, то дар ивази он музд диҳад?

**11,36** Худои Қодири Мутлақ дар Худ комил аст. Ӯ манбаи ҳама хубиҳост, Ӯ ҳаёти тамоми оламро муҳофизат ва нигоҳдорӣ ва дастгирӣ мекунад; ҳама чиз барои Ӯ офарида шуда буд. Ҳама чиз танҳо барои *ҷалоли* Ӯ вуҷуд дорад.

Бигузор ҳамин тавр шавад! Ӯро то абад ҷалол бод! Омин.

## III. ҚИСМИ АМАЛӢ: ҲАЁТ ДАР МУРОСО БО ХУШХАБАР (Б. 12–16)

Қисми боқимондаи Нома ба Румиён ба ҷавоби саволе бахшида шудааст, ки сафедшавӣ аз рӯи файз дар ҳаёти ҳаррӯзаи имондор чӣ гуна зоҳир мешавад. Дар ин ҷо Павлус уҳдадориҳои моро нисбати имондорони дигар, ҷамъият, душманони мо, ҳокимият ва бародарону хоҳарони нотавони мо баррасӣ мекунад.

### А. Дар бахшидашавии шахсӣ (12,1-2)

**12,1** Расул пас аз таҳлили аниқи зуҳуроти гуногуни *марҳамати Худо* дар бобҳои 1 то 11-и нома ба хулосаи ниҳоӣ мегузарад: Мо бояд *баданҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим намоем.* «*Баданҳои* мо» гуфта тамоми узвҳои мо, ва низ тамоми ҳаёти мо дар назар дошта шудааст.

Ба Худо бахшидани худ *ибодати оқилона* аст. Асоснок будани ин ибодат дар ин аст: Агар Писари Худо ба ҷои ман мурда бошад, камтарин чизе ки ман дар ҷавоби кори Ӯ карда метавонам, барои Ӯ зистан аст. Варзишгари бритониёӣ Ч. Т. Стадд боре гуфта буд: *«Агар Исои Масеҳ Худост ва агар Ӯ барои ман мурда бошад, пас ҳеҷ як чизе ки ман ба Ӯ дода метавонам, қурбонии беҳад бузург намешавад»*[42].

Ҳамин фикр дар яке аз сурудҳои машҳури Исаак Уоттс инъикос ёфтааст: *«Барои чунин муҳаббати ҳайратовари илоҳӣ тамоми дил, тамоми ҳаёт ва худро пурра бахшидан даркор аст».*

*«Ибодати оқилона»-ро* метавонем чун «хизматгузории рӯҳонӣ» низ тарҷума кунем. Чун коҳинон, мо ба назди Ӯ на бо қурбонии ҷонварони забҳшуда меоем, балки бо ҳаёти худ чун қурбонии рӯҳонӣ. Ҳамчунин мо ба Ӯ хизматгузории хешро (Рум. 15,16), ҳамду санои хешро (Ибр. 13,15) ва моликияти хешро (Ибр. 13,16) қурбонӣ меоварем.

**12,2** Баъдтар Павлус даъват мекунад, ки *худро ба ин дунё ҳамшакл насозед,* ё чунон ки Филлипс менависад: «Нагузоред то олами атроф шуморо ба чорчӯбаи худ дарорад». Ҳангоме ки мо ба Подшоҳии Худо меоем, бояд он ҳама ғояҳо, одатҳо ва тарзи зиндагиеро, ки дар ҷаҳон онҳоро пайравӣ мекардем, тарк кунем.

*Ин дунё* (таҳтуллафзӣ «аср») гуфта дар ин ҷо ҷамъият ва ё низоме номида шудааст, ки онро одам барои он сохтааст, то бе Худо ҳам зиндагӣ кардан барояш хуш бошад. Ин Подшоҳӣ ба Худо душман аст. Худо ва ҳокими ин дунё иблис аст (2Қур. 4,4; Юҳ. 12,31; 14,30; 16,11). Ҳамаи беимонон мансубони вай ҳастанд, ва вай мекӯшад онҳоро бо шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ нигоҳ дорад (1Юҳ. 2,16). Ҷаҳон бар сиёсати худ, дин, санъат, фарҳанг, дилхушиҳо, қолабҳои афкор ва тасаввуротҳо оид ба ҳаёт устувор аст; ва он кӯшиш мекунад ҳар як шахсро ба одатҳо ва анъанаҳои худ мутобиқ намояд. Ҷаҳон шахсонеро, ки созишкор нестанд, бад мебинад, масалан, Масеҳ ва пайравони Ӯро.

Марги Масеҳ ба мо озодӣ аз *ин дунёро* медиҳад. Барои мо ҷаҳон акнун ба салиб кашида шудааст ва мо барои ҷаҳон ба салиб кашида шудаем. Ана барои ҳамин муҳаббати имондор ба дунё Худоро таҳқир менамояд. Дар кӣ дунёро дӯст дорад, душмани Худост.

Чунон ки Масеҳ аз ин ҷаҳон набуд, онҳое ки ба Ӯ имон доранд, ҳамчунин аз ин ҷаҳон нестанд. Аммо онҳо даъват шудаанд дар дунё бошанд ва шаҳодат диҳанд, ки корҳои дунё бад ҳастанд ва ҳар кӣ ба Худованд Исои Масеҳ бовар кунад, метавонад наҷот ёбад. Мо на танҳо бояд аз дунё ҷудо шавем, мо ба *таҷдиди ақли* худ ва *шакли* нави он муҳтоҷем, яъне қобилияти оид ба ҳама чиз аз нуқтаи назари Худо фикр кардан, чунон ки аз Навиштаи Муқаддас ба мо ошкор гардидааст. Он гоҳ мо мебинем, ки чӣ гуна Худи Худо моро дар ин ҳаёт роҳнамо аст, ва мефаҳмем, ки *хости Ӯ* нофорам ва сахт нест, балки *нек, писандида* ва *комил аст.*

Ҳамин тариқ, ана се калиди асосӣ барои фаҳмидани хости Худо. Якум – ҷисми ба Худо содиқ, дуюм – ҳаёти аз дунё ҷудо, ва сеюм – ақли дигаргуншуда.

### Б. Дар хизматгузорӣ бо бахшоишҳои рӯҳонӣ (12,3-8)

**12,3** Павлус, аз рӯи *файзе ки* ба вай *дода шудааст,* дар ин ҷо чун расули Худованд Исо сухан меронад. Дар асоси ин вай мехоҳад баъзе шаклҳои тафаккури дуруст ва таҳрифшударо таҳлил намояд.

Вай зикр мекунад, ки дар Инҷил чизе нест, ки ба кас имкон диҳад, то дар худ васвасаи бузургиро инкишоф диҳад. Павлус моро даъват мекунад, ки бахшоишҳоямонро дар фурӯтанӣ истифода барем ва ба якдигар ҳасад набарем. Баръакс, мо бояд фаҳмем, ки ҳар як шахс беҳамтост ва ҳар яке назди Худо хизмати худро дорад. Мо бояд барои он ҷое ки *Худо* дар Бадани Худ ба мо *насиб кардааст,* шод бошем, ва бикӯшем то бахшоишҳои худро бо тамоми қуввае ки Худо ато кардааст, истифода барем.

**12,4** *Бадани* одам аз узвҳои зиёде иборат аст, ва ҳар кадоми онҳо вазифаи махсуси худро дорад. Саломатӣ ва қуввати бадан ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза ҳар як узв аз уҳдаи вазифаи худ мебарояд.

**12,5** Дар *Бадани Масеҳ* низ айнан ҳамин хел ҳолат аст. Он ягонагӣ *(як бадан),* фарқ *(бисёр),* вобастагии тамоми узвҳоро *(узвҳои якдигар)* дар бар мегирад. Тамоми бахшоишҳо на барои дилхушии шахсӣ, балки барои нафъи *бадан* муқаррар шудаанд. Ҳеҷ яке аз бахшоишҳо худ аз худ кифоя нест; ҳамчунин ягонтоаш нолозим ҳам нест. Маҳз фаҳмидани ҳамин ба мо хоксории заруриро медиҳад (12,3).

**12,6** Дар ин ҷо Павлус бахри истифодаи *атоҳои* гуногун нишондодҳои мушаххас медиҳад. Дар ин феҳрист на ҳамаи бахшоишҳои мавҷуда, балки баъзе намунаҳои хоси онҳо оварда шудаанд.

*Атоҳои* мо маҳз *ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст,* гуногунанд. Бо ибораи дигар, *файзи* Худо бахшоишҳои гуногунро ба одамони гуногун тақсим мекунад. Ва барои истифодаи ин бахшоишҳо Худо қувват ва қобилияти заруриро медиҳад. Ҳамин тавр, мо уҳдадор ҳастем, ки бо ин *бахшоишҳои* илоҳӣ софдилона хизмат намоем.

Онҳое ки қобилияти *пайғамбарӣ* доранд, бояд *ба андозаи имони* худ пайғамбарӣ кунанд. Пайғамбар мунодии Худованд аст, ки Каломи Худоро эълон мекунад. Албатта, пайғамбарӣ метавонад пешгӯиро низ дар бар гирад, лекин ин ҷузъи ҷудонашавандаи он нест. Ҳоҷ менависад, ки дар калисои ибтидоӣ пайғамбарон касоне буданд, ки *«зери таъсири бевоситаи Рӯҳи Худо сухан мегуфтанд ва, вобаста ба вазъияти мушаххас, хабареро аз Худо мерасониданд, ки ба ҳақиқатҳои таълимотӣ, вазифаҳои рӯзмарра ё ҳаводиси оянда дахл дошт».*[43] Мо аз рӯи матни навишташудаи Аҳди

Нав аз хизматгузории онҳо истифода мебарем. Имрӯз дигар ҳеҷ гуна иловаи пайғамбаронаи аз Худо илҳомгирифтае ба таълимоти масеҳӣ буда наметавонад, чунки имон ба таври абадӣ ба муқаддасон дода шуда буд (ниг. Яҳудо 3). Ҳамин тариқ, дар давраи мо касе пайғамбар аст, ки хости Худоро ҳамон хел эълон мекунад, ки дар Навиштаи Муқаддас баён шудааст.

Стронг менависад:

*Ҳамаи пайғамбарии ҳақиқии муосир ғайр аз такрори хабари кайҳо боз маълуми Масеҳ, эълону баёни ҳақиқатҳои кайҳо дар Навиштаҳо ошкоршуда дигар чизе нест.*[44]

Онҳое ки қобилияти пайғамбарӣ доранд, бояд, *ба андозаи имон пайғамбарӣ кунанд*. Ин чунин маъно дошта метавонад: «мутобиқ ба қоида ё меъёри имон», яъне мувофиқи таълимоти масеҳӣ, ки дар Навиштаи Муқаддас баён шудаанд. Маънои дигари он «мувофиқи миқдори имони мо» буда метавонад, яъне ба қадри он, ки чӣ гуна имонро Худо ба мо додааст.

**12,7** Зери калимаи *«хизмат»* ин ҷо фаъолияти гуногун барои Худованд фаҳмида мешавад. Вай бо вазифаҳои ходими калисо маҳдуд намешавад. Шахсе ки бахшоиши *хизматгузорӣ* дорад, дорои дили хизматгор аст. Вай имкониятҳои гуногунро меҷӯяд, то ба дигарон хизмат кунад ва бо хурсандӣ онро мекунад.

*Муаллим* касест, ки метавонад Каломи Худоро тавре фаҳмонад, ки он дар дили шунавандагон ҷой гирад. Ва чун дар мавриди бахшоишҳои дигар, мо бояд худро аз таҳти дил ба ин хизматгузорӣ диҳем.

**12,8** *Воиз* шахсест, ки қобилият дорад муқаддасонро водор кунад, то ба бадӣ муқобилат намоянд ва ба покӣ ва хизматгузорӣ ба Масеҳ саъй кунанд.

*Бахшанда* қобилияти махсуси илоҳӣ дорад, ки ба вай кӯмак мерасонад аз масъалаҳои эҳтиёҷоти атрофиён огоҳ бошад ва кӯшиш кунад ба онҳо ёрӣ расонад. Инро вай бояд *бо хоксорӣ* кунад.

Қобилияти *сардор* аксаран бо хизмати пирон (ва, эҳтимол, ҳамчунин диаконҳо) дар калисои маҳаллӣ вобаста аст. Сардор дар калисо зердасти мустақими Шубон аст, ки дар сари рама меистад ва ғамхорона ва *бо ҷидду ҷаҳд* онҳоро идора мекунад.

Қобилияти *эҳсонкорӣ* қобилият ва истеъдоди ғайритабиии кӯмак кардан ба рӯҳафтодагон аст. Инро *бо меҳрубонӣ* кардан даркор аст. Албатта, ҳамаи мо бояд раҳмдил ва меҳрубон бошем.

Як зани масеҳӣ нақл мекард: *«Ҳангоме ки модари ман пир шуд ва ба ғамхории доимӣ муҳтоҷ гашт, ман бо шавҳарам вайро ба хонаи худ гирифтем. Ман мекӯшидам ҳама чизро кунам, то барои вай хеле хуб бошад. Ман пухтупаз мекардам, мешустам, барои ба кӯча баромадани вай ёрӣ мерасонидам, умуман кӯшиш мекардам ҳамаи зарурати вайро ба ҷо орам. Лекин, ба меҳнатҳои худ нигоҳ накарда, ман худро бадбахт ҳис мекардам. Дарунакӣ аз он чиз зиқ мешудам, ки зиндагии осудаи мо вайрон шуда буд. Модарам ба ман бисёр вақт мегуфт, ки ман хандиданро фаромӯш кардаам, ва мепурсид, ки ман умуман механдам ё не. Мебинед, ман ба вай некӣ мекардам, лекин инро бе меҳрубонӣ мекардам»*.

### В. Дар муносибат бо ҷамъият (12,9-21)

**12,9** Сипас Павлус баъзе хислатҳоеро номбар мекунад, ки ҳар масеҳӣ бояд дар муносибати худ бо имондорони дигар ва беимонон инкишоф диҳад.

*Муҳаббат* бояд *бе риёкорӣ* бошад, яъне на ниқоби хуш, балки ҳақиқӣ, воқеӣ ва беғараз бошад.

Мо бояд *аз* ҳар гуна *бадӣ нафрат кунем, ба некӣ часпем*. Дар ин қаринаи матн «бадӣ», аз афташ, ҳамаи он чизеро ифода мекунад, ки на аз рӯи муҳаббат, балки аз рӯи нафрат ва кина ба ҷо оварда мешавад. Зуҳуроти муҳаббати фавқуттабиӣ *некӣ* номида шудааст.

**12,10** Дар муносибатҳо бо наздиконамон дар имон мо бояд муҳаббатро бо ҳисси дилбастагии меҳрубонона зоҳир кунем, на ин ки бо бепарвоии сард ва риоя намудани меъёрҳои қабулшуда.

Мо бояд кӯшиш кунем, ки на худро, балки дигаронро ҷалол диҳем. Боре яке аз хизматгорони машҳури Масеҳ мебоист дар маҷлиси ботантанае иштирок мекард. Вақте вай пас аз шахсони дигари олимартаба ба минбар баромад, ҳама ба вай қарсак заданд. Инро дида, вай дарҳол худро ба каноре гирифт ва худаш ҳам ба қарсакзанӣ шурӯъ кард, зеро ҷалолеро ки, ба фикри вай, барои дигарон буд, қабул кардан нахост.

**12,11** Тарҷумаи хуби ин оят чунин аст: «Ҳеҷ гоҳ парчами ғайрати худро поён накунед, оташи Рӯҳулқудсро нигоҳ доред, барои хизмат ба Худованд ҳамеша тайёр бошед» Дар ин вобастагӣ сухани пайғамбар Ирмиё ба ёд меоянд: «Малъун бод касе ки кори Худовандро мусоҳилакорона ба ҷо оварад ...» (Ирм. 48,10).

*Ҳаётро беҳуда харҷ кардан нашояд;*
*Умр кӯтоҳ аст, ва дар атроф гуноҳ зиёд.*
*Рӯзҳои умри мо чун барги меафтида аст,*
*Чун ашки равон.*
*Мо вақт надорем, ки соатҳоро бар абас бисӯзем.*
*Дар ин ҷаҳоне ки мо дорем,*
*Ҳама бояд шитоб кунем.*

Ҳорасий Бонар

**12,12** Новобаста ба шароити ҳозира, мо метавонем ва бояд аз *умеди* хеш ба омадани Наҷотдиҳанда, халосии баданҳои мо ва ҷалоли абадӣ шодӣ кунем. Ҳамчунин Павлус моро даъват мекунад, ки *дар азоб пуртоқат* бошем, яъне онҳоро мардонавор паси сар кунем. Маҳз бо сабре ки ҳамаро мағлуб мекунад, ин ғаму андӯҳро ба ҷалол табдил додан мумкин аст. Нисбати *дуо* бошад, бояд гӯем, ки аз мо собитқадамӣ талаб карда мешавад. Одам танҳо ба шарофати *дуо* кореро ба охир мерасонад ва ғалаба мекунад. *Дуо* ҳаёти моро қувват мебахшад ва диламонро осоиш. Ҳангоме ки мо ба номи Худованд Исои Масеҳ дуо мекунем, мо ба тавоноии олитарине ки дастраси одами миранда аст, наздик мешавем. Ҳамин тариқ, аз дуо даст кашида, мо худамон ба худамон зарар мерасонем.

**12,13** *Муқаддасони* муҳтоҷро дар ҳама ҷо ёфтан мумкин аст – бекороне ки тамоми пулҳояшонро барои табобат харҷ кардаанд, воизон ва миссионерҳои дар ҷойҳои дурдаст фаромӯшшуда ва одамони солхӯрда, ки аз ҷиҳати молиявӣ танқисӣ мекашанд. Ҳаёти ҳақиқии Бадан кӯмаки ҳамаи узвҳоро ба ҳамдигар дар бар мегирад.

Ҷ. Б. Филлипс ин оятро дигар хел баён кардааст: *«Онҳоеро, ки ба ғизову ҷои хоб муҳтоҷанд, аз онҳо маҳрум насоз»*. Меҳмондӯстӣ, ё пазироии мусофирон, дар замони мо санъати фаромӯшшаванда гардидааст. Мо бо баҳонаи хурдии хонаамон ва тангии ҳуҷраҳоямон масеҳиёни мусофирро қабул кардан намехоҳем. Шояд, мо фақат мехоҳем кори иловагӣ ва бесарусомониеро, ки бо меҳмонҳо алоқаманд аст, аз сари худ дур кунем. Лекин дар баробари ин мо фаромӯш мекунем, ки фарзандони Худоро қабул карда, мо ҳамин тавр Худи Худоро қабул мекунем. Хонаи мо бояд ба он хонае дар Байт-Анё монанд бошад, ки Исо дар он ҷо меҳмон шуданро дӯст медошт.

**12,14** Ба таъқибкунандагонамон мо бояд хуб муносибат кунем, на ин ки бикӯшем бо онҳо ҳамон хел ҷавоб диҳем. Барои он ки битавонем ба бадӣ ва зӯроварӣ бо шарофат ҷавоб диҳем, бояд дорои ҳаёти илоҳӣ бошем, чунки аксуламали маъмулӣ ба бадӣ лаънат ва қасос аст.

**12,15** Ҳамдардӣ қобилияти аз таҳти дил ба эҳсосот ва ғаму андӯҳи дигарон ҳамроҳ шудан аст. Аксаран шодии дигарон дар мо ҳасадро бедор мекунад, ашки дигарон бошад – аз каноре гузашта рафтанро. Муносибати масеҳӣ бошад дар хурсандиҳо ва ғамҳои атрофиёни мо мушфиқ буданро дар назар дорад.

**12,16** *Бо якдигар ҳамфикр будан* тамоман маънои ҳатто дар корҳои саҳл ба ягонагӣ кӯшиш карданро надорад. Ин ҷо на ҳамрангии афкор, балки муносибатҳои ҳамоҳанг дар назар дошта шудааст.

Мо бояд худро ҳатто аз ҳар гуна зуҳуроти нозпарвардӣ ва мағрурӣ дур кашем ва ба одамони одӣ ва сода чунон муносибат кунем, ки гӯё ба одамони сарватманд ва номдор муносибат мекарда бошем. Боре масеҳии машҳуре барои мавъиза гуфтан ба калисои хурдакаке омад. Роҳбарони ин калисо вайро бо мошинаи зебо пешвоз гирифтанд ва хостанд дар меҳмонхонаи бошукӯҳ ҷойгир кунанд. Вай бошад пурсид: «Шумо одатан меҳмонони калисои худро дар куҷо ҷойгир мекунед?» Онҳо ба ӯ оид ба як ҷуфти оилавии солхӯрда нақл карданд, ки на чандон дур дар хоначаи хоксоронае мезистанд. «Ман мехоҳам маҳз дар ҳамон ҷои сокин шавам», ҷавоб дод воиз.

Расул боз як бор ба ҳар имондор таъкид мекунад, ки *худро доно мапиндоранд*. Дар вуҷуди мо ягон чизи хубе нест, ғайр аз он чи ба мо ато шудааст, ва фаҳмидани ин ҳавобаландии моро фурӯ менишонад.

**12,17** Дар ҷаҳон ба *бадӣ* бо *бадӣ* ҷавоб додан ва танҳо аз рӯи хизмат подош додан қабул шудааст. Лекин дар ҳаёти раҳошудагон шодии қасос вуҷуд дошта наметавонад. Зиёда аз ин, дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ онҳо бояд ба таҳқирҳо ва зӯроварӣ бо ифтихор нигоҳ

кунанд. *«Дар пайи ... бошед»* маънои «андеша кунед» ё «ғамхорӣ кунед»-ро дорад.

**12,18** Масеҳиён набояд худро ба дигарон муқобил гузоранд ё сабаби мунокиша бошанд. Росткории Худо дар ғазаб ва низоъ зоҳир намегардад. Мо бояд оштиро дӯст дорем, ба осоиш кӯшиш кунем ва дар *осоиш* бошем. Ва агар касеро ранҷондем ва ё касе моро ранҷонд, бояд тамоми қувваро ба он харҷ кунем, ки ба ҳалли мусолиҳаомези масъала оем.

**12,19** Ба хоҳиши ситондани талофии зарари ба мо расондашуда бояд сахт муқобилат намоем. Ибораи *«ба ғазаби Худо вогузор кунед»* чунин даъватро ифода карда метавонад, ки ба Худи Худо имкон диҳем масъалаҳоямонро ҳал намояд. Ҳамчунин он даъват ба фурӯтанӣ ва роҳ надодан ба мухолифатро ифода мекунад. Қисми дуюми ин оят тафсири якумро нисбатан қобили қабул мекунад, яъне дар ин гуна вазъиятҳо мо бояд худро барканор гирифта, ба *ғазаби Худо* имкон диҳем, ки тадбири гуноҳкоронро андешад. *Қасос* ба Худо тааллуқ дорад, ва мо наметавонем ба ҳуқуқҳои Ӯ дастдарозӣ намоем. Худи Ӯ касеро, ки лозим донад, дар вақти худаш ва ба тарзи зарурӣ ҷазо медиҳад.

Ленскӣ дар ин бобат менависад:

*Худо аз қадим тартиби ҷазои ҷинояткоронро муқаррар кардааст, ва ҳеҷ яки онҳо аз он раҳоӣ надоранд. Ҳар як гуноҳ дар асоси адолати комил ҷазо дода мешавад. Агар касе аз мо мудохила кардан хоҳад, ин густохии бузурге мебуд.*[45]

**12,20** Масеҳият на танҳо мухолифат накарданро, балки меҳрубонии фаъолонаро меомӯзад. Вай бо қувва куштани душманонро не, балки бо меҳр бозгашт кунондани онҳоро меомӯзонад. Вай таълим медиҳад, ки агар душман *гурусна* бошад, ба вай хӯрок диҳӣ, ва ташнагиашро шиканӣ, ва бо ҳамин роҳ *бар сари ӯ оташпораҳо* фурӯ резӣ. Албатта, ин ҷо сухан дар бораи шиканҷаи мудҳиш намеравад, ин танҳо ифодаи рамзист. Фурӯ рехтани *оташпораҳо бар сари* касе, яъне вайро бо некие ки сазовори он нест, шарм доронадан аст.

**12,21** Қисми аввали ин оятро Дарбӣ хеле хуб фаҳмондааст: *«Агар табъи хираи ман табъи шуморо хира карда бошад, яъне бо худи ҳамин шумо бо бадӣ мағлуб шудед»*.[46]

Як олими бузурги сиёҳпӯст, Ҷорҷ Вашингтон Карвер, боре гуфта буд: *«Ман ба ҳеҷ кас имкон намедиҳам, ки дар ман нисбати вай ҳисси нафратро бедор карда, ҳаёти маро вайрон кунад»*.[47] Вай, одами имондор буда, намегузошт бадӣ вайро мағлуб намояд.

*Вале бадиро бо некӣ мағлуб кун.* Яке аз нишонаҳои хоси таълимоти масеҳӣ он аст, ки он бо манъ ва маломат маҳдуд намешавад, балки дар баробари ин маслиҳатҳои муфид низ медиҳад ва ба некӣ водор мекунад. *Бадиро* бо *некӣ* мағлуб кардан мумкин аст, ва аз ин силоҳ мо бояд доимо истифода барем.

Стэнтон ба Линколн нафрати зиёд дошт. Вай мегуфт, ки дар ҷустуҷӯи маймунҳо ба Африқо рафтан маъно надорад, чунки маймуни ҳақиқиро дар шаҳри Спрингфилди штати Иллинойс (ҷои зисти Линколн) ёфтан мумкин аст. Линколн ин суханҳоро таҳаммул кард. Баъдтар Линколн Стэнтонро сарфармондеҳи лашкар таъйин кард, зеро медонист, ки ҳеҷ кас ин корро беҳтар аз ӯ иҷро карда наметавонад. Пас аз кушта шудани Линколн Стэнтон ӯро бузургтарин пешвои одамон меномид. Муҳаббат ғалаба кард![48]

## Г. Дар муносибат бо ҳукумат (13,1-7)

**13,1** Аз рӯи имон сафедшудагон бояд ба ҳукумати дунявӣ *фармонбардор бошанд*. Умуман ин бояд ба ҳамаи одамон дахл дошта бошад, лекин ин ҷо расул махсусан оид ба имондорон ғам мехӯрад. Худо шакли идоракунии ҷамъиятро дарҳол пас аз туфони Нӯҳ ҷорӣ карда буд, ҳангоме гуфт: «Касе хуни одамизодро резад, хуни ӯ ба дасти одам рехта шавад» (Ҳас. 9,6). Ин қарор ба одам ҳуқуқи доварӣ ва ҷазо додани ҷинояткоронро медиҳад.

Дар ҳар як ҷамъияти ба низом даровардашуда бояд ҳокимият бошад, бояд итоат ба ин ҳокимият низ бошад. Вагарна анархия (беҳокимиятӣ) фаро мерасад, ки дар он зинда мондан мушкил аст. Ҳар гуна ҳокимият аз набудани он беҳтар аст. Ҳамин тариқ, Худо идоракунии ҷамъиятро таъсис дод, ва ҳеҷ як ҳокимият бидуни иродаи Ӯ вуҷуд надорад. Рости гап, ин маънои онро надорад, ки Худо ҳама кореро, ки ҳокимон мекунанд, меписандад. Албатта, Ӯ муқобили фасодкорӣ, бераҳмӣ ва истибдод аст! Лекин он далел, ки *ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барпо шудаанд*, раднопазир аст.

Имондорон метавонанд дар шароити демократия, монархияи конститутсионӣ ва ҳатто ҳукмронии мустабидона зиндагӣ карда, ба ғалабаҳо ноил гарданд. Ҳеҷ як ҳокимияти заминӣ аз одамоне ки онро таркиб медиҳанд, беҳтар буда наметавонад. Бинобар ин ҳеҷ кадоми онҳо мукаммал нестанд. Ягона ҳокимияти идеалӣ ҳокимияти пурфайзи Подшоҳ ва Худованд Исои Масеҳ аст. Барои фаҳмиши хуб бояд дар хотир дошт, ки Павлус ин бобро вақте навиштааст, ки дар тахти шоҳаншоҳӣ Нерони бадкирдор буд. Барои масеҳиён ин давраи тирае буд. Нерон онҳоро дар сӯхторе айбдор кард, ки нисфи Румро нест кард (агарчи, эҳтимол, худи вай фармони оташ заданро дода бошад). Вай фармон дод, ки масеҳиёни зиёдеро, пешакӣ ба қатрон ғӯтонда, зинда ба зинда сӯзонанд, то бо ин машъалҳои зинда базмҳои фосиқонаи худро равшан намояд. Дигаронро ба пӯсти ҳайвонҳо андохта медӯхтанд ва назди сагҳои бадхашм мепартофтанд, то онҳоро пора-пора кунанд.

**13,2** Ба ин нигоҳ накарда, ҳақиқат чунин аст: касоне ки ба ҳокимият итоат намекунанд ва зидди он исён мебардоранд, зидди Худо низ, ки онро таъсис додааст, исён мебардоранд. Касе ки ба *ҳокимияти* қонунӣ *муқобилат кунад,* сазовори ҷазо аст.

Албатта, ин ҷо истисное ҳаст. Масеҳӣ набояд ба ҳокимияте итоат кунад, ки ӯро ба гуноҳ кардан ё вайрон намудани садоқат ба Исои Масеҳ водор мекунад (Аъм. 5,29). Ҳеҷ як ҳокимият наметавонад ба виҷдони одам амр диҳад. Ҳамин тавр, ҳодисаҳое мешаванд, ки имондор, ба Худо итоат карда, бояд бар зидди хости одам равад. Дар ин ҳолатҳо вай бояд бидуни ягон хел шикоят ба беадолатӣ, ба ҷазо гирифтан омода бошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ вай набояд зидди роҳбарият исён кунад ва ё дар кӯшиши сарнагун кардани он иштирок кунад.

**13,3** Одатан одамоне ки дуруст амал мекунанд, аз ҳокимият набояд тарсанд. Аксаран танҳо онҳоеро ҷазо медиҳанд, ки қонунро вайрон мекунанд. Яъне агар касе хоҳад бо зиндагии аз ҷарима, аз мурофиаҳои судӣ ва аз маҳбас озод ҳаловат барад, ба вай бояд насиҳат дод, ки шаҳрванди риоякунандаи қонун бошад. Он гоҳ вай сазовори таҳсин мегардад, на ҷазо.

**13,4** Ҳар як ҳоким, хоҳ президент бошад, хоҳ мири шаҳр ва ё довар, *хизматгори* Худост ба он маъно, ки вай намояндаи Худост. Вай метавонад Худоро шахсан надонад, лекин бо вуҷуди он вай расман аз тарафи Худо таъйин карда шудааст. Ҳамин хел, Довуд доимо ба Шоули золим чун ба подшоҳи масҳшуда муносибат мекард (1Сам. 24,7.11; 26,9.11. 16.23). Ҳарчанд Шоул якчанд бор кӯшиш карда буд Довудро кушад, вай ба одамони худ намегузошт ба подшоҳ зарар расонанд. Чаро? Барои он ки Шоул подшоҳ буд, яъне касе ки ӯро Худи Худо интихоб кардааст.

Ҳамчун хизматгорони Худо, ҳокимон даъват шудаанд ба одамон некӣ кунанд – оид ба бехатарӣ, оромӣ ва умуман некӯаҳволии онҳо ғамхорӣ намоянд. Ва агар касе қонунро вайрон карданӣ бошад, бояд дар хотир дошта бошад, ки барои ин дар назди қонун ҷавоб доданаш лозим меояд, чунки ҳукумат ҳуқуқ дорад вайро айбдор кунад ва ҷазо диҳад. Ибораи *«вай шамшерро беҳуда бардошта нагаштааст»* исботи асосноки он қудратест, ки Худо ба ҳокимон додааст. *Шамшер* на рамзи безарари ҳокимият аст, мисол, чун чӯбдасти салтанат. Шамшер ҳокимияти олии ҳокимро ифода мекунад, яъне қудрати ба ҷо овардани ҷазои қатлро. Ҳамин тариқ, гуфтани он ки ҷазоҳои қатл танҳо дар давраи Аҳди Қадим мумкин буданд ва дар давраи Аҳди Нав не, нодуруст аст. Ин ҷои Аҳди Нав ҳуқуқи ҳокимиятро оид ба қатли ҷинояткори вазнин тасдиқ мекунад. Баъзеҳо ба сифати эътироз суханҳоро аз Хуруҷ 20,13 меоранд: *«Қатл накун»*. Вале ин калима ба куштор дахл дорад, аз тарафи ҳокимият ҷазо додани ҷинояткорро бошад куштор ҳисобидан мумкин нест. Калимаи ибрӣ, ки ҳамчун «қатл накун» тарҷума шудааст, фақат аз ҳаёт маҳрум кардан не, балки куштори ҷиноиро ифода мекунад.[49] Ҷазои қатл аз тарафи қонуни Аҳди Қадим чун ҷазои ҳатмӣ барои баъзе ҷиноятҳои вазнин муқаррар шуда буд.

Ва боз расул ба мо ёдрас мекунад, ки сардор *хизматгори Худост,* лекин зимнан боз илова мекунад: *«... бо ғазаб аз бадкорон интиқом мегирад»*. Бо ибораи дигар, вай ба Худо бо он хизмат мекунад, ки ба мо некӣ мекунад ва қонуншиканонро ҷазо медиҳад.

**13,5** Ҳамин тавр, мо бояд ба ҳокимият бо ду сабаб итоат кунем: аз тарси ҷазо ва ба хотири *виҷдон*.

**13,6** Мо вазифадорем на танҳо ба қонунҳои давлатӣ итоат кунем, балки ҳамчунин

*андоз* ҳам супорем. Дар ҷамъияти қонун ва тартиб, бо полис ва сӯхторхомушкунандагон зистан ба нафъи мост, бинобар ин мо бояд бо камоли хоҳиш барои корашон ба онҳо музд диҳем. Намояндагони ҳокимият тартибро нигоҳбонӣ намуда, вақт ва қобилияти худро барои иҷрои иродаи Худо сарф мекунанд, ва аз ин рӯ ба васоити зиндагӣ муҳтоҷанд.

**13,7** Он далел, ки имондорон шаҳрвандони Подшоҳии Осмонӣ ҳастанд (Фил. 3,20), маънои онро надорад, ки онҳо аз вазифаҳои худ назди ҳокимияти дунявӣ озоданд. Онҳо бояд *андоз* супоранд ҳар гуна андозҳо аз фоида, аз моликияти шахсӣ ва хусусӣ. Ҳамчунин *боҷ* – андозҳои гумрукӣ барои аз як давлат ба дигараш гузаронидани маҳсулот. Ба ҳамаи намояндагони қонун бо эҳтиром ва *тарс* муносибат кардан лозим аст. Ва, билохира, *иззат* намудани ҳамаи намояндагон ва шахсони вазифадори хадамоти давлатӣ (ҳатто агар тарзи зиндагии шахсияшон сазовори ҳурмат набошад ҳам).

Вобаста ба ин масеҳиён набояд дар айбдоркуниҳои президент ва ё нахуствазир иштирок намоянд. Ҳатто дар авҷи интихоботи сиёсӣ онҳо набояд ба касоне ҳамроҳ шаванд, ки дар ҳаққи роҳбарият суханони бад мегӯянд. Навишта шудааст: «Пешвои қавми худро носазо нагӯй» (Аъм. 23,5).

## Ғ. Дар муносибат бо оянда (13,8-14)

**13,8** Қисми аввали ин оятро кӯтоҳ чунин баён кардан мумкин аст: «Пули суратҳисобҳои худро сари вақт пардохт намоед». Ин ҷо манъе дар мавҷудияти ягон хел қарзҳо нест. Дар ҷамъияти мо қарзҳо вуҷуд доранд, ки мо аз онҳо хоҳ-нохоҳ халос шуда наметавонем. Қариб ҳамаи мо аз рӯи суратҳисобҳои моҳона барои телефон, газ, барқ, об ва ғайра пул медиҳем. Баъзан як миқдори муайяни маблағро қарз нагирифта бо ягон намуди соҳибкорӣ машғул шудан мумкин нест. Ин ҷо оид ба он гуфта шудааст, ки мо дар супоридани қарзҳои худ таъхир накунем.

Аммо чун илова гуфтан ҷоиз аст, ки баъзе принсипҳои дурусте ҳастанд, ки аз онҳо дар ин масъалаҳо истифода бурдан мумкин аст. Мо набояд барои чизҳои беҳуда қарз гирем. Мо набояд қарз гирем, агар донем, ки онро додан наметавонем. Мо набояд чизеро бо қарз харем, ки дар охир нархаш бо иловаи фоизҳо хеле қимат меафтад. Мо ҳамчунин набояд чизеро бо қарз харем, ки арзишашро зуд гум мекунад. Умуман мо бояд ба пулҳо бо масъулияти том муносибат намоем, хоксорона мувофиқи шароити худ зиндагӣ кунем ва дар хотир дорем, ки қарздор ғуломи қарздиҳандаи худ мегардад (ниг. Мас. 22,7).

Ягона қарзе ки ҳамеша вуҷуд хоҳад дошт, вазифаи *дӯст доштан* аст. Калимаи «агапе», ки дар Нома ба Румиён чун «муҳаббат» тарҷума шудааст (истиснои ягона Рум. 12,10), меҳри амиқ, фидокорона, фавқулодаи як шахсро ба дигаре ифода мекунад. Ин *муҳаббати* ғайризаминӣ ба хислатҳои хуби объекти муҳаббат вобаста нест; ин муҳаббатро дар ивази некӯкориҳо ба даст овардан ғайриимкон аст. Он, чун ҳеҷ як муҳаббати дигар, на танҳо ба онҳое ки мехоҳем дӯсташон дорем, балки ба душманон низ паҳн мегардад.

Ин муҳаббат аксаран дар фидокорӣ зоҳир мегардад. Худо ҷаҳонро маҳз ҳамин хел дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод. Масеҳ Калисоро дӯст дошт ва Худро барои он фидо намуд.

Ин муҳаббат аниқтараш ба ирода вобаста аст, на ба эҳсосот. Ба мо фармуда шудааст, ки *дӯст дорем.* Ин чунин маъно дорад, ки мо метавонем кардан ё накардани онро интихоб кунем. Агар ин ҳиссиёти идоранашавандае мебуд, ки гоҳ-гоҳ моро фаро мегирад, аз эҳтимол дур аст, ки мо барои он ҷавобгарӣ медоштем. Вале, албатта, ин ҷо иштироки эҳсосот низ инкор карда намешавад.

Ин муҳаббати илоҳӣ наметавонад дар одами беимон зоҳир шавад. Ҳатто худи имондор ба ин тавон надорад. Ин гуна муҳаббат танҳо бо қувваи Рӯҳулқудси дар вай мезиста имконпазир аст.

Муҳаббат дар замин инъикоси мукаммали худро дар Шахсияти Худованд Исои Масеҳ пайдо намуд.

Муҳаббати мо ба Худо дар риояи фармудаҳои Ӯ зоҳир мешавад.

Он касе ки шахси наздики худро *дӯст медорад, шариатро ба ҷо овардааст,* лоақал, он қисми шариатро, ки ба муносибатҳои одамон вобастагӣ дорад.

**13,9** Расул он фармудаҳоеро зикр мекунад, ки амалҳои бемуҳаббатро нисбати

наздикон манъ мекунанд. Ин фармудаҳо оид ба зинокорӣ, куштор, дуздӣ, шоҳидии бардурӯғ ва ҳасадхӯрӣ мебошанд. Муҳаббат, бар хилофи зинокорӣ, ҷисми одами дигарро истисмор намекунад. Муҳаббат, бар хилофи куштор, каси дигарро аз ҳаёт маҳрум намекунад. Муҳаббат, бар хилофи дуздӣ, моликияти одами дигарро намерабояд. Муҳаббат бар хилофи шаҳодати бардурӯғ, ҳақиқатро оид ба шахси дигар таҳриф намекунад. Муҳаббат бар хилофи ҳасад, ҳатто намехоҳад дорои моликияти шахси дигар бошад.

Оид ба *ҳар фармудаи дигар* сухан ронда, Павлус метавонист иқтибосе низ оварад: «Падари худ ва модари худро ҳурмат кун». Лекин ҳамаи онҳоро бо ин суханон хулоса кардан мумкин аст: *«Ёратро монанди худат дӯст* дор». Ба вай бо ҳамон ғамхорӣ ва меҳрубоние ки ба худ мекунӣ, муносибат намо.

**13,10** *Муҳаббат* ҳеҷ гоҳ намекӯшад ба наздикон *бадӣ* кунад. Баръакс, вай ба гулгулшукуфию ҷалоли дигарон мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, шахсе ки аз рӯи муҳаббат амал мекунад, талаботи лавҳи дуюми *шариатро* пурра иҷро мекунад.

**13,11** Қисми боқимондаи боб ба мавзуи бедории рӯҳонӣ ва тозагии ахлоқӣ бахшида шудааст. *Вақт* кӯтоҳ аст. Давраи Файз ба охир мерасад. Интиҳои наздик талаб мекунад, ки хоболудӣ ва бепарвоиро дур партоем. *Наҷоти мо* ҳозир беш аз ҳар вақти дигар ба мо *наздик аст.* Наҷотдиҳанда меояд, то ин ки моро ба хонаи Падараш барад.

**13,12** Давраи ҳозира ба *шаби* гуноҳ монанд аст, ки ба наздикӣ бояд ба охир расад. Ба наздикӣ барои имондорон субҳи *рӯзи* ҷалоли абадӣ хоҳад дурахшид. Ин чунин маъно дорад, ки мо бояд либоси ифлоси ҷаҳониро аз тани худ дур кунем, яъне ҳама чизеро, ки бо пургунохӣ ва бадӣ вобаста аст. Дар баробари ин мо бояд *аслиҳаи нурро,* яъне либоси ҳифзкунандаи ҳаёти покро *ба бар кунем.* Қисмҳои таркибии ин либос дар Эфесусиён 6,14-18 номбар шудаанд. Онҳо хусусиятҳои хислати масеҳии ҳақиқиро тасвир мекунанд.

**13,13** Диққат кунед, ки диққати асосӣ ба қадамгузории шахсии масеҳии мо дода мешавад. Азбаски мо фарзандони *рӯз* ҳастем, мо бояд чун фарзандони нур *рафтор кунем.* Масеҳӣ ба базмҳои ифлос, хархашаҳои мастона, шабнишиниҳои фосиқона, нопарҳезгориҳои паст, ҳақорат ва ҳасад чӣ алоқае дорад? Ҳеҷ ягон!

**13,14** Аз ҳама чизи хубе ки мо метавонем кунем, ин, аввал, *Худованд Исои Масеҳро дар бар кардан* аст. Ин чунин маъно дорад: тарзи зиндагии Ӯро қабул карда, ҳамон тавре ки Ӯ мезист, умр ба сар бурдан, Ӯро аз ҳар ҷиҳат ҳамчун намуна ва роҳнамо истифода бурдан.

Дуюм, мо бояд *дар бораи ҳавасҳои ҷисм ғамхорӣ накунем. Ҷисм* номи табиати кӯҳна ва гуноҳолуди мост. Вай дилхуширо бо ҳаловат, ҳашамат, нашъаҳои шаҳвонии мамнуъ, машғулиятҳои беҳуда, хурсандиҳои дунявӣ, тарзи айёшонаи зиндагӣ ва, албатта, неъматҳои моддӣ талаб мекунад. Ҳангоме чизҳои бо васваса вобастаро мехарем, ҳангоме дар худ роҳи гуноҳро осон мегардонем, ҳангоме оид ба чизҳои ҷисмонӣ нисбат ба рӯҳонӣ бештар фикр мекунем, мо ба шаҳватҳои ҷисм роҳ медиҳем. Мо набояд дар ягон чиз тобеи ҷисм шавем. Баръакс, мо бояд имкон надиҳем, ки он худро зоҳир кунад.

Маҳз ҳамин порчаро Худо барои ба Масеҳ ва ба покӣ рӯ овардани Августини хеле боақл, вале ниҳоят ҷисмонӣ истифода бурдааст. Ҳангоме ки Августин онро то ояти 14 хонд, ӯ таслим шуд ва худро ба Худо супурд. Аз ҳамон вақт вай ҳамчун Августини «Муқаддас» ба таърих ворид гашт.

## Д. Дар муносибат бо имондорони дигар (14,1–15,13)

**14,1** Фасли дигари Нома ба Румиён ба асосҳои муҳим бахшида шудааст, ки масеҳиён масъалаҳои дуюмдараҷаро бояд мувофиқи онҳо ҳал кунанд. Ин масъалаҳо аксаран дар муносибатҳои байни имондорон мушкилотро ба вуҷуд меоранд, лекин, чунон ки мо хоҳем дид, ихтилофҳоро бартараф кардан мумкин аст.

Касеро масеҳии дар имон суст номидаанд, ки дар масъалаҳои дуюмдараҷа ҳанӯз ҳам бе асос шубҳа мекунад. Аксаран ин яҳудии имондор аст, ки ҳоло ҳам аз он чиз дудила буд, ки ғизои ҳаромро хӯрдан ва ё дар рӯзи шанбе кор кардан мумкин аст ё не.

Принсипи якум ин аст: масеҳии дар имон суст бояд ба ҷамоат қабул шавад, ва вайро ба ҳар гуна мубоҳисаҳо оид ба мушкилоташ ҷалб кардан нашояд. Масеҳӣ дар ҷузъиёти

камаҳамият бо дигарон ҳамфикр набошад ҳам, шодии муоширати масеҳиро дошта метавонад.

**14,2** Одами имондор, ки тамоми хушбахтии озодии масеҳиро дарк мекунад, дар асоси таълимоти Аҳди Нав имон дорад, ки ҳар гуна ғизо тоза аст. Вай бо Каломи Худо ва дуо пок мегардад (1Тим. 4,4.5). Имондоре ки виҷдони нотавон дорад, метавонад ба гӯшти хук ва ё умуман ба гӯшт нафрат ҳис кунад ва аз гӯшт парҳез намояд.

**14,3** *Принсипи дуюм* онро ифода мекунад, ки мо бояд ба ҳамдигар боилтифот бошем. Масеҳии баркамол набояд бародари дар имон сусти худро хор шуморад. Ҳамчунин шахси дар имон суст низ набояд вайро гуноҳкор маҳкум кунад, барои он ки вай гӯшти хук, креветка ва харчангро дӯст медорад. Худо вайро чун узви комилҳуқуқи оилаи Худ қабул кардааст.

**14,4** *Қонуни сеюм чунин аст:* ҳар як имондор бандаи Худост, ва мо ҳақ надорем вайро аз нуқтаи назари ҳоким баҳо диҳем. Вай аз тарафи Худованди худ (дар китоб «хоҷаи худ») сафед ё айбдор карда мешавад. Мо баъзан ба ягон кас бо нигоҳи сард аз боло ба поён назар мекунем, ва боварӣ дорем, ки вай аз боиси ақидаҳои худ ҳатман дар имон шикаст мехӯрад. Лекин чунин фикр нодуруст аст. Худо ҳам инҳо ва ҳам онҳоро ҳифз мекунад, ва Ӯ барои ин қуввати кофӣ дорад.

**14,5** Баъзе масеҳиёни яҳудӣ ба риояи рӯзи шанбе чун ба вазифаи худ муносибат карданро идома медоданд. Виҷдони онҳо иҷозат намедод рӯзҳои шанбе ягон коре кунанд. Яъне онҳо рӯзҳоро аз ҳамдигар фарқ кунонда, якеашро аз дигараш болотар медонистанд.

Имондорони дигар ба фармудаҳои яҳудӣ пайравӣ намекарданд. Онҳо рӯзҳоро баробар медонистанд. Онҳо шаш рӯзро одӣ ва як рӯзро пок намешумориданд. Барои онҳо ҳамаи ҳафт рӯз пок буданд.

Он гоҳ якшанбе чӣ, рӯзи Худованд, рӯзи аввали ҳафта? Магар он дар ҳаёти масеҳӣ рӯзи махсус нест? Мо дар Аҳди Нав мехонем, ки дар ин рӯз Худованд зинда шуд (Луқ. 24,1-9). Дар ду якшанбеи оянда Ӯ ба шогирдонаш зоҳир мешуд (Юҳ. 20,19.26). Рӯҳулқудс рӯзи Пантикост фуруд омад, ки ҳамчунин ба рӯзи якуми ҳафта мувофиқ меомад; Пантикост пас аз ҳафт якшанбеи баъд аз иди навбарҳо ҷашн гирифта мешуд (Иб. 23,15.16; Аъм. 2,1), ки рамзи зиндашавии Масеҳ буд (1Қур. 15,20.23). Шогирдон барои пора кардани нон ҳар рӯзи аввали ҳафта ҷамъ меомаданд (Аъм. 20,7). Павлус ба қуринтиён навишта буд, ки рӯзи аввали ҳафта пул ғундоранд. Аз ин рӯ, якшанбе дар Аҳди Нав вазъи махсусеро ишғол мекунад. Аммо ин рӯз барои риоя ҳатмӣ нест, чунон ки шанбеи Аҳди Қадим буд, балки баҳри риоя ҷоиз аст. Аз тамоми корҳоямон озод шуда, мо рӯзи махсусеро барои парастиш ва хизмат ба Худованди мо ҷудо карда метавонем.

Дар ягон ҷои Аҳди Нав гуфта нашудааст, ки масеҳиён бояд рӯзи шанберо риоя кунанд. Вале дар айни замон мо принсипро эътироф мекунем: шаш рӯз барои кор, ва як рӯз барои истироҳат.

Одам оид ба ин масъала ҳар гуна ақида дошта бошад ҳам, асосаш он аст, ки вай дар ақидаи худ устувор бошад. Албатта, ин фақат ба масъалаҳои аз нуқтаи назари ахлоқӣ бетараф дахл дорад. Ҳангоме ки кор ба таълимоти бунёдии дини масеҳӣ вобаста аст, ақидаҳои хусусӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Дар он соҳаҳое ки баҳс оид ба чизҳои худ аз худ на нек на бад меравад, ақидаҳои гуногун ҷоиз ҳастанд. Онҳо муносибатҳои моро набояд вайрон кунанд.

**14,6** Касе ки рӯзеро авло медонад, имондори аслан яҳудӣ аст, ки виҷдонаш то ҳол намегузорад рӯзҳои шанбе кор кунад. Албатта вай кӯшиш намекунад, ки бо риояи рӯзи шанбе наҷот ба даст орад, вай фақат гумон мекунад, ки бо ин роҳ Худовандро шод мекунад. Аз тарафи дигар, касе ки рӯзҳоро баробар медонад, бо ин роҳ Масеҳро – ҳадафи асосии имонро – ҷалол медиҳад, на ин ки сояи ояндаро (Кул. 2,16.17).

Касе ки ғизои аз нуқтаи назари яҳудиён ҳалол набударо озодона мехӯрад, назди Худо сари таъзим фуруд меорад ва Ӯро шукр мегӯяд. Имондори виҷдонаш суст, ки фақат ғизои аз нуқтаи назари яҳудиён ҳалолро мехӯрад, низ айнан ҳамин хел амал мекунад. Ҳар ду баракати Худоро металабанд.

Агар дар ҳар ду ҳолат ҳам одамон ба Худо ҳамду сано ва шукр гӯянд, пас чаро ин мавзуъро сабаби низоъ ва ихтилоф кунем?

**14,7** Ҳукмронии Масеҳ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти имондор ворид мегардад. Мо на барои худ, балки барои Худованд зиндагӣ мекунем. Ва на барои худ, балки барои Худованд

мемирем. Ва агарчи, албатта, сухан ва рафтори мо ба одамони дигар таъсир мерасонанд, дар ин оят сухан дар бораи ин намеравад. Павлус зикр мекунад, ки мақсад ва ҳадафи асосӣ дар ҳаёти имондор бояд Худованд бошад.

**14,8** Ҳар он чи мо дар ҳаёти хеш мекунем, бояд аз тарафи Масеҳ тафтиш ва баҳо дода шавад. Мо амалҳоро ҳамон тавре ки онҳо дар ҳузури Ӯ тофта метавонистанд, баҳо медиҳем. Ва ҳатто дар марг мо мекӯшем Худовандро ҷалол диҳем, ба тавре ки ҳамроҳи Ӯ бошем. Ҳам дар ҳаёт, ҳам дар марг мо ба Ӯ тааллуқ дорем.

**14,9** Яке аз сабабҳое ки *Масеҳ барои он мурд ва аз нав зинда* шуд, он аст, ки Ӯ бар мо *Худованд буда тавонад*, барои он ки мо бо ризоият ба Ӯ итоат кунем, бо хурсандӣ садоқати қалбҳои миннатдорамонро ба Ӯ бахшем. Ҳукмронии Ӯ ҳатто дар марг зоҳир мегардад, ҳангоме ки ҷисми мо дар қабр мехобаду ҷон ва рӯҳамон дар ҳузури Ӯ ҳастанд.

**14,10** Дар асоси ҳама чизи дар боло зикршуда масеҳии яҳудинажод набояд бародареро, ки тақвими яҳудиро риоя намекунад ва худро бо ғизои аз нуқтаи назари яҳудиён ҳалол маҳдуд намекунад, таъна занад. Дар навбати худ, бародари қавӣ ҳамчунин набояд бародари дар имон сустро хор шуморад. Охир, мо ҳама назди курсии доварии Масеҳ[50] ҳозир мешавем, ва маҳз дар ҳамон ҷо ба амалҳои мо баҳои дуруст дода мешавад.

Дар ин доварӣ хизматгузории имондор аз назар гузаронида мешавад, на ин ки гуноҳҳои вай (1Қур. 3,11-15). Дар он ҷо инъомҳо дода мешаванд. Ин довариро бо доварӣ бар халқҳои бутпараст (Мат. 25,31-46) ва ё бо доварии назди Тахти Бузурги Сафед (Ваҳй 20,11-15) омехта кардан даркор нест, чунки он доварии охирин барои ҳамаи бадкорон ва рӯҳан мурдаҳо мешавад.

**14,11** Мо дар ҳақиқат ба доварии Масеҳ ҳозир мешавем, ва инро пешгӯӣ аз Ишаъё 45,23 тасдиқ мекунад. Худи Яҳува мегӯяд, ки Ӯро ва ҳукми олии Ӯро эътироф намуда, назди Ӯ *ҳар зонуе хам хоҳад шуд.*

**14,12** *Ҳамин тариқ,* аён аст, ки ҳар яке аз мо на барои амалҳои бародаронамон, балки дар бораи худ ба Худо *ҳисобот хоҳем* дод. Мо беандоза тез-тез бе ягон ҳуқуқ ва бе дониши кифоя якдигарро баҳо медиҳем ва ҳукм мекунем.

**14,13** Ба ҷои он ки фақат шинему масеҳиёни дигарро дар масъалаҳои камаҳамият ғайбат кунем, мо бояд бикӯшем кореро, ки ба нумуи рӯҳии бародарони мо халал расонда метавонад, накунем. Ягонтои ин масъалаҳои камаҳамият ба қадре муҳим нестанд, ки боиси пешпо хӯрдан ва васвасаи бародари сустимон гардад.

**14,14** Павлус медонист, ва мо ҳам медонем, ки дигар ягон хел ғизо чун дар замони шариат нопок (наҷис) ҳисоб намешавад. Он чи мо мехӯрем, бо Каломи Худо ва дуо пок карда шудааст (1Тим. 4,5). Ғизо бо Каломи Худо пок карда шудааст, чунки Навиштаи Муқаддас аниқ онро хуб мегӯяд. Он бо дуо пок карда мешавад, ҳангоме мо аз Худо талаб мекунем, ки онро барои ҷалоли Ӯ ва барои тақвияти ҷисмҳои мо дар хизмат ба Ӯ баракат диҳад. Лекин агар ягон бародари сустимон ҳисоб кунад, ки гӯшти хукро хӯрдан мумкин нест, вай набояд онро хӯрад, зеро ин ба виҷдони вай, ки Худо барояш додааст, зӯроварӣ мешавад.

Ҳангоме Павлус менависад, ки ҳеҷ чизе дар худ ҳаром нест, мо бояд фаҳмем, ки вай танҳо оид ба масъалаҳои ахлоқан бетараф мегӯяд. Дар ҳаёт бисёр чизҳои нопок ҳастанд, чун адабиёти порнографӣ, шӯхиҳои ношоиста, филмҳои фосиқона ва умуман ҳама чизи бадахлоқона. Ин гуфтаҳои Павлусро танҳо дар матн дида баромадан лозим аст. Агар масеҳиён ғизоеро хӯранд, ки шариати Мусо манъ кардааст, нопок намешаванд.

**14,15** Агар донам, ки бародари сустимонам хӯрдани краб ва харчангҳои баҳриро мамнуъ меҳисобад, магар ин чизҳоро дар назди он бародар хӯрдани ман дуруст аст? Агар ман чунин рафтор кунам, ин аз рӯи муҳаббат намешавад, зеро муҳаббат дар навбати аввал на оид ба худ, балки оид ба дигарон фикр мекунад. Муҳаббат метавонад баҳри некӯаҳволии бародар ҳуқуқҳои қонунии худро фаромӯш кунад. Табақи хӯрок назар ба ҳолати рӯҳонии касе ки Масеҳ барои ӯ мурдааст, аҳамияти камтар дорад. Агар ман худписандона озодии худро дар чунин масъалаҳо эълон кардан гирам, ба ҳаёти бародари сустимон зарари ислоҳнашавандае расонда метавонам. Беаҳамиятии чунин масъалаҳо фаҳмо мешавад, ҳангоме ба ёд меорӣ, ки чӣ гуна музди гароне барои ҷони ин одам дода шуда буд – хуни гаронбаҳои Барра.

**14,16** Инак, қонуни асосӣ: мо набояд роҳ диҳем, ки чизҳои дуюмдараҷаи худ аз худ бетараф сабаби он гарданд, ки моро дар бепарвоӣ ва ё дар набудани муҳаббат айбдор кунанд. Ин барои шӯрбои арзон фурӯхтани номи некамон мешавад.

**14,17** Дар *Подшоҳии Худо* на масъалаҳои парҳезҳои гуногун, балки воқеиятҳои рӯҳонӣ ба инобат гирифта мешаванд. Дар Подшоҳии Худо ҳама Худоро ҳокими олӣ эътироф мекунанд. Ба маънои васеъ он ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки ба ягон тарз садоқат ба Худоро эътироф мекунанд. Лекин дар амал он фақат аз онҳое иборат аст, ки аз олами боло зода шудаанд. Он дар ин ҷо маҳз ба ҳамин маъно ёдовар мешавад.

Тобеони Подшоҳии осмонӣ набояд одамони хуштабъ, хушхӯр ва шиносандаи шаробҳо бошанд. Онҳо худро бояд дар росткории амалӣ, дар кӯшиш ба *осоиш, ҳам*оҳангӣ ва ҳаёти пур аз *шодмонӣ дар Рӯҳулқудс* зоҳир намоянд.

**14,18** Таърифу таҳсини Худоро танҳо бо ҳаёти муқаддас сазовор шудан мумкин аст, на бо он чи ту мехӯрӣ ё намехӯрӣ. Ононе ки ба росткорӣ, осоиш ва шодӣ майл доранд, хости Ӯро иҷро карда, бо ҳамин ба *Масеҳ* хизмат мекунанд.

**14,19** Ҳамин тавр, боз як принсип пайдо мешавад. Ба ҷои он ки барои чизҳои беҳуда мунокиша кунем, мо бояд кӯшиш кунем *осоиш* ва ҳамоҳангиро дар ҷамоати масеҳӣ нигаҳдорӣ кунем. Ба ҷои ҳуқуқҳои худро эълон карда, бо ҳамин дигаронро ба пешпохӯрӣ водор намудан мо бояд кӯшиш кунем ба дигарон кӯмак кунем, то дар ҳаёти муқаддас нашъунамо кунанд.

**14,20** *Худо кори* Худро дар ҳаёти ҳар як фарзанди Худ иҷро мекунад. Фикр кардан ваҳмангез аст, ки бо масъалаҳои *хӯрок,* нӯшокӣ ё рӯзҳо мо ба кори Худо дар дили бародари сустимон халал расонда метавонем. Барои фарзанди Худо ҳар гуна ғизо тоза аст. Бо вуҷуди ин, вай набояд он чизеро хӯрад, ки боиси ранҷидан ва пешпохӯрии бародар мегардад.

**14,21** Аз *гӯшт, май* ва ҳамаи он чи метавонад *бародарро* ранҷонад ва боиси фурӯ ғалтидани рӯҳонии ӯ гардад, даст кашидан ҳазор бор хубтар аст. Фидо кардани ҳуқуқҳои қонунии худ дар муқоиса бо ғамхорӣ дар ҳаққи сустимоне музди гарон нест.

**14,22** Ман пурра озодам ҳар гуна хӯрокро истеъмол намоям, ва огоҳ бошам, ки онро Худо ба мо додааст, то мо хӯрем ва Ӯро шукр гӯем. Лекин ман набояд беҳуда аз ин озодӣ дар назди сустимонон фахр кунам. Хубтар он аст, ки онро дар танҳоӣ ё байни онҳое ки аз ин намеранҷанд, истифода барем.

Албатта, аз озодии пурраи масеҳӣ лаззат бурдан ва беасос азоби виҷдон накашидан хуб аст. Вале аз ҳуқуқҳои қонунии худ даст кашидан бахри он ки худро дар ранҷонидани дигарон айбдор накунем, боз ҳам хубтар аст. Дар ҳақиқат *хушо* касе, ки барои дигарон санги пешпо нест.

**14,23** Бародари сустимон бошад набояд чизеро хӯрад, ки барои он виҷдонаш азоб медиҳад, чунки ин *аз рӯи имон* намешавад. Бар хилофи виҷдон рафтор кардан *гуноҳ аст.*

Умуман, виҷдони одам дастуруламали комилан дуруст буда наметавонад, барои ин вай бояд бо Каломи Худо таълим дода шавад. Меррил Унгер менависад: *«Лекин Павлус қонунеро муқаррар менамояд, ки одам бояд ба виҷдони худ тобеъ бошад, ҳатто агар вай нотавон бошад ҳам; дар акси ҳол ахлоқи шахсият маҳв карда мешавад».*[51]

**14,24**[52] Ин порча бо ҳамду сано хотима меёбад. Он ба Худо бахшида шудааст, ки *қодир аст* халқи Худро мутобиқи *башорати* Павлус, ки онро вай аз они худ меномад, мустаҳкам ва устувор кунад. Бешак, фақат як роҳи наҷот вуҷуд дорад ва он ба Павлус ба расули ғайрияҳудиён дода шуда буд, дар ҳоле ки, масалан, Петрус ба яҳудиён таълим медод. Ин эълони ошкорои хабар оид ба *Исои Масеҳ, кашфи* ҳақиқати зебо аст, ки он *аз замонҳои азалӣ ниҳон буд. Сирр* дар Аҳди Нав ҳақиқатест, ки пештар ҳеҷ гоҳ ба одамон маълум набуд; ва ақли инсон онро дарк карда наметавонад, вале он акнун кушода шуд.

**14,25** Сирре ки ин ҷо оид ба он гуфта мешавад, чунин аст: яҳудиёни имондор ва ғайрияҳудиёни имондор якҷоя ворисон, узвҳои Бадани Масеҳ, шарикони ваъдаҳои Худо дар Масеҳ ҳастанд (Эфс. 3,6).

Ва акнун ин сир ба воситаи пайғамбарон *зоҳир шудааст* на пайғамбарони Аҳди Қадим, балки Аҳди Нав. Вай пештар дар навиштаҳои Аҳди Қадим маълум набуд ва танҳо дар навиштаҳои пайғамбаронаи Аҳди Нав ошкор шуд (ниг. Эфс. 2,20; 3,5).

Худо амр кард, ки хабари Инҷил *ба ҳама халқҳо эълон карда шавад,* то ин ки онҳо *ба итоати имон даромада,* дорои наҷот шуда тавонанд.

**14,26** Танҳо *Худо* манбаъ ва намунаи хиради олӣ аст ва Ӯ ба василаи *Исои Масеҳ,* Миёнарави мо, *то абад* соҳиби *ҷалол* аст.

**15,1** Оятҳои 1 то 13-и боби 15-уми нома ҳамчунин бо масъалаҳои аз нуқтаи назари ахлоқ бетараф бахшида шудаанд, ки дар оятҳои пешина баррасӣ шуда буданд. Азбаски дар байни яҳудиёни имондор ва ғайрияҳудиёни имондор баъзе мушкилот ба вуҷуд меомаданд, Павлус ин масеҳиёнро ба созишкорӣ дар муносибатҳояшон даъват мекунад.

*Тавоноҳо* (яъне онҳое ки ба масъалаҳои беаҳамият озодона муносибат мекунанд) набояд ҳуқуқҳои худро худбинона тарафдорӣ намуда, *дар пайи хушнудии худ* бошанд. Баръакс, онҳо бояд бародарони *нотавонро* барои таассубҳояшон таъна накарда, бо хубӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ муносибат намоянд.

**15,2** Қонуни асосӣ дар ин ҷо чунин аст: на барои худ зиндагӣ кунед. Барои *хушнудии ёри* худ ва *барои ободии вай* зиндагӣ кунед. Ҳамин аст муносибати масеҳӣ.

**15,3** Дар ин ба мо Худи *Масеҳ* намуна аст. Ӯ мезист, то на ба Худ, балки ба Падари Худ хуш ояд. Ӯ гуфтааст: *«Бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар ман афтодааст»* (Заб. 68,10). Ин чунин маъно дорад, ки Ӯ оид ба ҷалоли Худо он қадар меандешид, ки ҳангоме одамон Худоро таҳқир мекарданд, Ӯ онро ба Худ нисбат медод.

**15,4** Ин суханҳо аз китоби Забур онро хотиррасон мекунанд, ки Навиштаҳои Аҳди Қадим *барои омӯхтани мо* дода шудаанд. Гарчанд онҳо махсус барои мо муқаррар нашуда буданд, мо метавонем аз онҳо пандҳои гаронбаҳое гирем. Ҳангоме мо бо мушкилоти гуногун, муноқиша, санҷиш ва душвориҳо рӯ ба рӯ мешавем, Навишта ба мо истодагариро меомӯзад ва *тасалло* медиҳад. Ба ҷои он ки дар мавҷҳои ҳаёт таъмид занем, мо ба он *умедвор* мешавем, ки Худованд моро аз паси пардаи мушкилот мебинад.

**15,5** Ин фикр Павлусро водор мекунад хоҳиши худро изҳор намояд, то *Худои сабру тасаллӣ* чунин кунад, ки нотавонон ва тавоноҳои масеҳии яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ аз рӯи таълимот ва намунаи *Исои Масеҳ* амал намуда, байни худ дар ҳамоҳангии комил зиндагӣ намоянд.

**15,6** Ва натиҷа саҷдаи якдилонаи ҳамаи муқаддасон ба *Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ* мешавад. Чӣ гуна манзараи боҳашамат – яҳудиёни наҷотёфта ва ғайрияҳудиён наҷотёфта *бо як забон* Худовандро мадҳ мекунанд!

Дар Нома ба Румиён калимаҳои *«даҳон»* ва *«забон»* чор бор зикр мешавад, ва умуман ин як навъ тарҷумаи ҳоли шахси наҷотёфта аст. Саравввал даҳони вай пур аз бадгӯӣ ва заҳр аст (3,14). Пас, ҳангоме ки вай айбдор карда шуда, назди Довар омад, даҳонаш пӯшида шуд (3,19). Баъд аз ин вай бо *даҳони* худ Исоро чун Худованд эътироф менамояд (10,9.10). Ва, билохира, *забони* вай Худовандро ҳамду сано мегӯяд (15,6).

**15,7** Аз ҳамаи ин боз як принсип бармеояд. Новобаста ба он ки дар масъалаҳои дуюмдараҷа байни мо доимо нофаҳмӣ ба вуҷуд меояд, мо бояд *якдигарро* қабул кунем, *чунон ки Масеҳ* моро *қабул кардааст.* Қабулшавӣ ба калисои маҳаллӣ бояд маҳз дар ҳамин асос ёбад. Мо ягон касро на аз рӯи мансубият ба ягон равия, камолоти рӯҳониаш ё вазъи иҷтимоияш қабул мекунем, балки барои он ки *Масеҳ* вайро *қабул кардааст,* ва бо ин мо Худо *ҷалол* медиҳем.

**15,8** Дар шаш ояти оянда расул ба мо ёдовар мешавад, ки *хизматгузории Исои Масеҳ* ҳам яҳудиён ҳам ба ғайрияҳудиёнро дар бар мегирад. Аҳамияти амалии ин оят барои мо дар он аст, ки қалбҳои мо бояд ба таври кофӣ бузург бошанд, то ин ки ҳам инҳо ва ҳам онҳоро ҷойгир кунанд. Албатта, Масеҳ, дар навбати аввал, ба *аҳли хатна* хизмат мекард, яъне ба яҳудиён. Худо чандин бор гуфта буд, ки Масеҳро ба халқи Худ мефиристад ва омадани Масеҳ ҳақиқати *ваъдаи додашударо* исбот менамояд.

**15,9** Аммо Масеҳ ба *халқҳо* низ баракат овард. Худованд Хушхабарро ба ҳама халқҳо муқаррар намудааст, то ки ҳамаи имондорон *Худоро* барои *марҳамати Ӯ ҳамду сано* гӯянд. Яҳудиён набояд ҳайрон мешуданд, чунки Навиштаҳои онҳо инро чандин бор пешгӯӣ карда буд. Мисол, дар Забур 17,50 Довуд он рӯзро пешбинӣ мекунад, ки Масеҳ дар байни ҷамоати имондорони халқҳои гуногун ба Худо мадҳия мехонад.

**15,10** Дар Такрори Шариат 32,43 ғайрияҳудиёне тасвир шудаанд, ки якҷоя *бо қавми* Исроил аз раҳоиашон хурсандӣ мекунанд.

**15,11** Дар Забур 116,1 мо мехонем, ки чӣ тавр Исроил *халқҳоро* даъват мекунад, ки бо вай дар Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ *Худовандро ситоиш кунанд* ва *сипос гӯянд*.

**15,12** Ҳамчунин *Ишаъё* низ дар бораи *ба халқҳо* пахн гардидани ҳукмронии Масеҳ шаҳодат медиҳад (Иш. 11,1.10). Дар ин ҷо ба таври аниқ гуфта шудааст, ки *халқҳо ҳам*чунин аз баракатҳои Масеҳ ва Хушхабари Ӯ бархурдор хоҳанд шуд.

Худованд Исо *решаи Ишой* аст, чунки Ӯ Офаридгори *Ишой* аст, на ин ки авлоди вай (ки, зимнан, ин ҳам дуруст аст). Дар Ваҳй 22,16 Исо Худро реша ва насли Довуд меномад. Аз нуқтаи назари табиати илоҳиаш Ӯ Офаридгори Довуд буд, аз рӯи баромади инсониаш – насли вай.

**15,13** Павлус ин фаслро бо ҳамду санои хубе ба охир расонида, аз *Худое* ки аз рӯи файз *умед* медиҳад, хоҳиш мекунад, то муқаддасонро, чун ононеро ки ба Ӯ имон доранд, *аз шодӣ* ва *осоиш* лабрез кунад. Эҳтимол, фикран вай ба имондорони ғайрияҳудӣ муроҷиат мекард, лекин ин дуо ба ҳама мувофиқ аст. Ва, албатта, онҳое ки ба воситаи *қуввати Рӯҳулқудс умедашон афзун шудааст,* ҳоҷате ва вақте надоранд, ки аз боиси чизҳои беҳуда муноқиша кунанд. Умеди умумӣ дар ҳаёти масеҳии мо қувваи тавонои муттаҳидкунандаест.

## Е. Дар нақшаҳои Павлус (15,14-33)

**15,14** Дар қисми дуюми боби 15 Павлус сабабҳои навиштани Нома ба Румиёнро асоснок мекунад ва мегӯяд, ки хоҳиши ба Рум рафтан дорад.

Гарчанде ки вай то он рӯз бо масеҳиёни румӣ вонахӯрда буд, вай *дилпур аст,* ки онҳо пандҳои вайро бо хурсандӣ қабул мекунанд. Ин боварӣ дар он асос меёбад, ки Павлус *пур аз файз* будани онҳоро медонист. Илова бар он вай дар *дониши* онҳо оид ба таълимоти масеҳӣ, ки барои ба дигарон *насиҳат* гуфта тавонистан кофӣ бошад, шубҳа намекард.

**15,15** Бо вуҷуди бовариаш ба камолоти рӯҳонии онҳо ва ба он ки вай ҳатто бо калисои Рум шинос ҳам набуд, Павлус ҷоиз медонад ба румиён имтиёзҳо ва вазифаҳояшонро ёдрас кунад. Самимияти номаи вай дар *файзе ки Худо ба* вай *ато фармудааст,* асос меёбад, яъне файзе ки вайро расул кардааст.

**15,16** Вайро Худо чун коҳини *Исои Масеҳ дар миёни халқҳо* интихоб карда буд. Дар *коҳинии Инҷил* вай маҳз хизматгузории коҳинро медид, ки зимни иҷрои он вай аз *халқҳо* наҷотёфтагонро чун ҳадияи матлуб ба назди Худо меовард: охир, онҳоро дар ҳақиқат ҳам *Рӯҳулқудс* ба василаи зодашавии дубора барои Худо ҷудо карда буд.

Ҷ. Кемпбел Морган бо тантана хитоб мекунад:

*Чӣ нури аҷибе дар хизматгузории инҷилшиносонӣ ва шубониамон ба мо ҳамроҳӣ мекунад! Ҳар як ҷонеро, ки бо мавъизаи мо наҷот меёбад, мо на танҳо ба сарчашмаи осоиш ва бехатарӣ меорем, мо онро назди Худо меорем, ва ин ҳадя ба Ӯ мақбул аст; маҳз ҳамин гуна ҳадяҳоро Ӯ аз мо интизор аст. Ҳар як ҷон, ки ба суханҳо оид ба Масеҳ омӯзонда шудааст ва ҳамин тавр, ба Ӯ монанд мешавад, ба Падар матлуб аст. Ҳамин тариқ, мо на танҳо барои наҷотдиҳии одамон меҳнат мекунем, балки низ барои қаноатманд кардани Худо. Дарк намудани ин чиз қувваи тавонои пешбаранда аст.*[53]

**15,17** Таассуроте ба вуҷуд меояд, ки Павлус худситоӣ мекунад, лекин вай на худашро ситоиш мекунад, балки *дар Масеҳ Исо фахр мекунад*. Ҳамаи корҳои вай на бо кӯшишҳои худаш иҷро шудаанд, балки аз тарафи Худо ба воситаи вай. Хизматгори хоксори Масеҳ худро ситоиш намекунад, зеро мефаҳмад, ки вай фақат ҳамон воситаест, ки Худо барои ба мақсадҳои Худ расидан истифода мебарад. Ҳар гуна васвасаи ғурур бо фаҳмидани он қатъ карда мешавад, ки худ аз худ вай ягон маъное надорад ва ҳама чизе ки вай дорад, аз они вай нест, балки ба вай дода шудааст ва худи вай барои Исои Масеҳ чизе карда наметавонад, ғайр аз он чи Рӯҳулқудс мекунад.

**15,18** Павлус *ҷуръат накард* оид ба он чи Масеҳ ба воситаи хизматгузории дигарон кардааст, хулоса барорад. Вай танҳо дар бораи он гуфтан метавонад, ки Худованд вайро барои ба воситаи суханҳо ва амалҳо, яъне ба воситаи мавъиза ва муъҷизаҳо ба фармонбардорӣ ва имон ҷалб кардани *халқҳо* истифода бурд.

**15,19** Худованд суханони расулро бо аломатҳое ки одамонро ба ҳақиқатҳои рӯҳонӣ меомӯзонданд ва ба ҳайрат меоварданд, ва бо ҳар гуна зуҳуроти қувваи Рӯҳулқудс тасдиқ мекард. Дар натиҷа Павлус *Инҷили Масеҳро аз Уршалим то Илурикун* (дар шимоли Мақдуния, дар соҳили баҳри Адриё) *паҳн* кард. Калимаҳои *«аз Уршалим ... то Илурикун»* на хронологияи хизматгузории вайро, балки ҷуғрофияро тасвир мекунанд.

**15,20** Ин роҳро интихоб карда, Павлус *кӯшиш намуд* Инҷилро дар заминҳое *башорат бидиҳад,* ки ҳанӯз бо хушхабаррасонӣ фаро гирифта нашудаанд. Шунавандагони вай асосан ғайрияҳудиён буданд, ки пеш ҳеҷ гоҳ дар бораи *Масеҳ* нашунида буданд. Ҳамин тавр вай *бар бунёде ки дигарон ниҳоданд, бино намекард.* Лекин барои ҳамаи хизматгузорони Масеҳ ҳатмӣ нест, ки ба намунаи Павлус дар фаъолияти пешоҳангии вай тақлид намоянд. Баъзеҳо ба он даъват шудаанд, ки масалан, ҷамоатҳои аллакай бунёдшударо таълим диҳанд.

**15,21** Чунин кор дар байни ғайрияҳудиён иҷро шудани пешгӯии Ишаъё 52,15 гардид, ки ғайрияҳудиёне ки ҳеҷ гоҳ Худоро намедонистанд, *хоҳанд дид* ва Хушхабарро *нашунида буданд, хоҳанд фаҳмид* ва бо имон ба Худо рӯ хоҳанд овард.

**15,22-23** Албатта, «заминҳои нокорам»-ро корам кардани шуда, Павлус имкон надошт то ба Рум равад. *Акнун* бошад аллакай дар тамоми заминҳои дар ояти 19 тасвиршуда таҳкурсӣ гузошта шуда буд ва акнун дигарон бар он бино кардан метавонистанд. Оқибат Павлус озод буд, то ки *орзуи* деринаи худро амалӣ гардонад – ба Рум равад.

**15,24** Павлус нақша дошт ҳангоми *сафари Испания* дар Рум истода гузарад. Аз ин рӯ вай наметавонист муддати кофӣ дар он ҷо бошад, то аз *дидори* онҳо, тавре ки мехост, *сер шавад,* лекин умед дошт, ки хоҳиши вай ҳеҷ набошад *андаке* иҷро мешавад. Павлус боварӣ дошт, ки онҳо вайро бо ҳама чизи зарурӣ барои сафар ба Испания таъмин менамоянд.

**15,25** Лекин вақтҳои наздик вай азми *ба Уршалим* рафтан дошт, то ба муқаддасони эҳтиёҷманди Яҳудо маблағҳои дар калисоҳои ғайрияҳудиён ҷамъоваришударо расонад. Оид ба ин маблағи ҷамъшуда мо дар 1Қуринтиён 16,1 ва 2Қуринтиён 8 ва 9 мехонем.

**15,26-27** Имондорони *Мақдуния* ва *Охоия* бо шодӣ дар ҷамъоварии маблағ барои масеҳиёни *камбағал* иштирок карданд. Гарчанд ҷамъоварӣ комилан ихтиёрӣ буд, дар назар буд, ки ҳама дар он фаъолона иштирок мекунанд. Охир, онҳо дар назди имондорони яҳудӣ қарздор буданд, чунки маҳз ҳаминҳо ба онҳо Хушхабарро оварданд. Бинобар ин ба кӯмаки моддӣ умед бастани бародарони яҳудӣ пурра асос дошт.

**15,28-29** Дарҳол пас аз он ки Павлус пулро ба ҷои таъйиншуда расонда, ин вазифаро иҷро мекунад, вай ба *Испания* меравад ва дар роҳ аз Рум дидан мекунад. Павлус шубҳа надошт, ки боздид аз Рум боиси *баракати пурраи Инҷили Масеҳ* хоҳад буд, ки онро Худо ба воситаи мавъизаи сухани Ӯ дар қувваи Рӯҳулқудс ба таври фаровон медиҳад.

**15,30** Дар хотимаи ин фасли номаи худ расул румиҳоро гарму ҷӯшон даъват мекунад, ки баҳри вай *дуо* гӯянд. Вай ин ягонагиро дар дуо ба хотири *Худованди мо Исои Масеҳ* ва *ба хотири* он *муҳаббате* ки аз *Рӯҳулқудс* бармеояд, асоснок мекунад. Вай аз онҳо *илтимос* мекунад, ки дар *дуояшон барои* вай тамоми қувваташонро ба харҷ диҳанд. Чунон ки Ленскӣ навиштааст, *«ин даъват ба дуо водор мекунад, ки ҳамаи ҷону дилро ба он бибахшанд, чунон ки варзишгарони мусобиқакунанда қувваро ба харҷ медиҳанд».*[54]

**15,31** Павлус чор эҳтиёҷи мушаххаси дуоиро номбар мекунад. Якум, вай мегӯяд, ки барои аз зилотҳои яҳудӣ *раҳо* шудани вай дуо гуфтан даркор аст, ки мутаассибона ба Инҷил мухолифат мекарданд, чунон ки худи Павлус ҳам замоне ҳамон хел мекард.

Дуюм, Павлус румиёнро даъват мекунад, то оид ба он дуо гӯянд, ки муқаддасони яҳудӣ тавонанд ин маблағҳои ҷамъовардаро бо илтифот қабул намоянд, чунки он замонҳо ҳоло ҳам ақидаҳои ноҳақ бар зидди ғайрияҳудиёни имондор ва бар зидди онҳое ки дар байни онҳо мавъиза мекунанд, мавҷуд буданд. Эҳтимолияти зиёди он буд, ки аксарият «садақа»-и ғайрияҳудиёнро қабул намекунанд. Бисёр вақт қабул кардан аз ато кардан мушкилтар аст ва илтифоти бештареро аз одам талаб мекунад!

**15,32** Эҳтиёҷи сеюми Павлус он аст, ки Худованд роҳе пайдо намуда, сафари вайро ба Рум хуш ва осуда гардонад. Калимаҳои *«бо*

*хости Худо»* хоҳиши дар ҳама чиз ба хости Худо пайравӣ кардани Павлусро инъикос мекунад.

Ва охирин: вай мехоҳад дар Рум *оромӣ* ва истироҳатро дар хизматгузории вазнину ҳастакунандаи худ дарёфт кунад.

**15,33** Ин боб бо дуои Павлус оид ба он ки *Худо,* манбаи *осоиш,* бо онҳо бошад, ба охир мерасад. Дар боби 15 Павлус Худоро Худои сабру тасалло (ояти 5), Худои умед (ояти 13) ва *Худои осоиш* меномид. Ӯ манбаи ҳама чизи нек, ҳама чизест, ки ба гуноҳкори бечора барои ин ҳаёт ва ҳаёти абадӣ зарур аст. *Омин.*

## Ё. Дар муносибати боэҳтиромона ба дигарон (Б. 16)

Дар назари аввал боби охирини Нома ба Румиён феҳристи дилгиркунандаи номҳост, ки барои мо имрӯз ягон аҳамияте надорад. Вале агар ин боби на он қадар ҷолиб дақиқтар омӯхта шавад, ба имондорон маслиҳатҳои зиёди фоиданок медиҳад.

**16,1** *Фубӣ* чун *хизматгузори*[55] *калисои Канхария* муаррифӣ шудааст. Фикр кардан лозим нест, ки ин ҷо сухан дар бораи кадом як унвони рӯҳонӣ меравад. Ҳар як хоҳаре ки дар калисои маҳаллӣ ягон хел хизматгузориро ба ҷо меорад, метавонад хизматгузор номида шавад.

**16,2** Дар ибтидои масеҳият имондороне ки аз ҷое ба ҷои дигар сафар мекарданд, ҳамеша бо худ тавсияномаҳо мегирифтанд. Ин зоҳир намудани ҳурмат ба он калисое буд, ки масеҳӣ ба он меомад ва ҳамчунин ба худи меҳмон низ кӯмак мекард.

Инак, расул *Фубиро* муаррифӣ мекунад ва мехоҳад вайро чун имондори ҳақиқӣ қабул кунанд: чунон ки *шоистаи муқаддасон аст.* Ҳамчунон вай мехоҳад, ки ба вай дар ҳама чиз, бо ҳама чизе ки имконпазир аст, ёрмандӣ кунанд. Вай ҳамчунин оид ба он ки Фубӣ худро ба хизмати дигарон бахшидааст (аз ҷумла ба Павлус ҳам), суханони таҳсинкунанда менависад. Эҳтимол, вай якзайл ва доимо меҳмондӯстона ба воизон ва дигар имондорони Канхария хизмат мекард.

**16,3** Дертар Павлус ба *Прискила ва Акило* салом мерасонад, ки дар хизмат ба *Исои Масеҳ* ҷасурона бо вай меҳнат мекарданд. То чӣ андоза мо аз Худо миннатдорем барои ин гуна оилаҳои масеҳие ки худро ба меҳнати фидокорона баҳри *Масеҳ* бахшидаанд!

**16,4** Як дафъа Прискила ва Акило барои Павлус ҳаёти худро *ба хатар андохтанд,* лекин мо оид ба ин рафтори қаҳрамонона дигар ҳеҷ чиз намедонем. Расул аз онҳо якҷоя бо он *калисоҳои* аз *ғайрияҳудиёни* имондор, ки вай дар онҳо хизматгузорӣ мекард, миннатдор аст.

*Ба аҳли калисое ки дар хонаи онҳо ҷамъ мешаванд,* низ салом гӯед. Ин чунин маъно дорад, ки дар хонаи онҳо ҷамоати имондорон ҷамъ меомад. То худи охири асри дуюм иморатҳои калисо вуҷуд надоштанд. Пештар, вақте Прискила ва Акило дар Қуринтус зиндагӣ мекарданд, дар хонаи онҳо ҳамчунин калисо ҷамъ мешуд.

**16,5** Маънои номи *Апайнитус* «шоистаи ҷалол» аст. Бешубҳа, ин одам, яке аз масеҳиёни аввалини Охоия[56], шоистаи номи худ буд. Павлус вайро *азизи* худ меномад.

**16,6** Бисёр будани номҳои занона дар ин боб (оятҳои 1,3,6,12 ва ғайра) ба соҳаи васеи фаъолияти хоҳарон ишорат мекунанд. *Марям* аз таҳти дил барои муқаддасон меҳнат мекард.

**16,7** Мо намедонем, кай *Андроникус* ва *Юниёс* якҷоя бо Павлус *бандӣ* буданд. Ҳамчунин мо наметавонем аниқ гӯем, ки калимаи *«хешон»* чӣ маъно дорад оё онҳо ҳақиқатан хешу табори наздики Павлус буданд ё ҳамин тавр шиносҳои яҳудӣ. Калимаҳои *«дар миёни расулон машҳур»* бошад, аз як тараф, онро ифода карда метавонанд, ки расулҳо онҳоро ҳурмат мекарданд, аз тарафи дигар бошад худи онҳо расулҳои машҳур буданд. Ягона чизе ки мо бешубҳа тасдиқ карда метавонем, он аст, ки онҳо аз Павлус *пештар* масеҳӣ шуда буданд.

**16,8** Дертар мо бо *Амплиёс*, бо *азизи* расул вомехӯрем. Агар робитаи онҳо бо Ҷолҷолто намебуд, мо ҳеҷ гоҳ оид ба ин шахсон чизе намефаҳмидем. Ин аст ҳамон чизи бузурге, ки моро мепайвандад.

**16,9** *Урбонус* шоистаи унвони *ҳамкор* гашт, *Истохис* бошад *азиз.* Боби шонздаҳуми Нома ба Румиён доварӣ дар назди Курсии Масеҳро ба хотир меорад, ки дар он ҷо ҳама гуна зуҳуроти садоқат ба Масеҳ ҷалол дода мешаванд.

**16,10** *Апиллис* мушкилоти вазнинеро аз сар гузаронид ва шоистаи унвони *дар Масеҳ озмудашуда* шуд.

Павлус ба *аҳли хонаи Аристобулус* салом мегӯяд ва, эҳтимол, ғуломҳои ба масеҳият рӯ овардаи Аристобулусро, ки набераи Ҳиродуси Бузург буд, дар назар дорад.

**16,11** *Ҳиродиюн,* эҳтимол, ҳамчунин ғулом буд. Вайро *хеш* номида, Павлус бо ин метавонад нишон диҳад, ки вай ягона яҳудие буд дар байни ғуломони Аристобулус.

Баъзе аз ғуломони *Наркисус,* ҳамчунин масеҳӣ буданд, аз ин рӯ Павлус ба онҳо низ салом мегӯяд. Ҳатто онҳое ки дар худи поёни зинаи иҷтимоӣ ҳастанд, аз баракатҳои бемонанди масеҳият бароварда намешаванд. Мавҷуд будани ғуломон дар ин рӯйхат ба мо боз ёдрас мекунад, ки дар Масеҳ ҳамаи тафовутҳои иҷтимоӣ бекор карда мешаванд, чунки дар Ӯ мо ҳама якем.

**16,12** Номҳои *«Трифайно»* ва *«Трифусо»* маънои «зарифа» ва «ҷамила»-ро доранд, вале дар амал ин занҳо дар мазрааи Худованд меҳнаткашони ҳақиқӣ буданд. *Парсиси азиз* ҳамчунин яке аз занҳои меҳнаткаш буд, ки ба калисоҳои маҳаллӣ хеле заруранд, лекин аз сабаби чӣ бошад, ки онҳоро дар ин ҳаёт қадр намекунанд.

**16,13** *Руфус,* аз афташ, писари Шимъун буд, ки салиби Исоро бардошта бурда буд (Мат. 27,32). Вай на танҳо вобаста ба наҷот *интихобшуда дар Худованд* номида шудааст, балки бо зиндагонии масеҳиёнааш низ, яъне вай имондори махсус буд. *Модари* Руфус ба Павлус ғамхории махсусе зоҳир мекард ва бо ин сазовори муносибати меҳрубононаи вай («мисли модари ман») гардид.

**16,14-15** Эҳтимол, *Асинкритус, Флигӯн, Ҳермос, Патрубос ва Ҳермис* дар кадом як калисои хонагие монанди он, ки Прискила ва Акило доштанд (16,3.5), фаъолона меҳнат мекарданд. *Филӯлӯгус* ва *Юлиё, Нириёс* бо *хоҳараш* ва *Улимпос* ҳам метавонистанд асоси калисои дигари хонагӣ бошанд.

**16,16** *Бӯсаи муқаддас* як намуди одии саломи меҳрубононаи байни муқаддасон буд ва дар баъзе кишварҳо он то ҳол қобили қабул аст. Вай барои он *муқаддас* номида шудааст, ки аз ҳар гуна фикрҳои нодуруст эмин гардонда шавад. Дар кишварҳои ғарбӣ *бӯса* одатан бо дастфишурӣ иваз карда мешавад.

*Калисоҳои* Охоия, ки аз он ҷо Павлус номаи худро менавишт, ҳамчунин ба саломҳои вай ҳамроҳ шуданд.

**16,17** Расул намехоҳад мактуби худро бе огоҳӣ оид ба муаллимони дурӯғгӯ, ки метавонанд ба калисо дуздона дохил гарданд, ба охир расонад. Масеҳиён бояд доимо бар зидди онҳое ки дар атрофи худ ҳар гуна гурӯҳҳо ташкил мекунанд ва барои бепарвоён дом мегузоранд, ҳушёр бошанд. Бояд доимо нигаҳбонӣ кунем, ки ҳеҷ кас бар *хилофи* он *таълиме* ки ба масеҳиён омӯзонида шудааст, таълим доданро шуруъ накунад ва аз ҳар гуна муносибат бо ин хел одамон канораҷӯӣ кунем.

**16,18** Ин муаллимони дурӯғгӯ ба *Худованд Исои Масеҳ* итоат намекунанд. Онҳо ба «Ман»-и худашон хизмат мекунанд. Ва онҳо дар фиреби бехабарон бо *хушомадгӯӣ ва суханоройи* худ хеле муваффақанд.

**16,19** Павлус *хурсанд* буд, ки *итоати* хонандагони вай ба Худованд ба ҳама маълум буд. Лекин, бо вуҷуди ин, вай зарурати фарқ кунонидани некӣ ва бадиро таъкид мекард, то онҳо тавонанд ба *некӣ* итоат намуда, ба *бадӣ* мухолифат кунанд.

**16,20** Ҳамин тавр, *Худо,* ки манбаи *осоиш аст,* ба онҳо кӯмак мекунад, то бар *шайтон* ғалаба кунанд.

Баракатдиҳии хоси расул ҳамаи он чизеро, ки ба муқаддасон дар роҳи онҳо ба сӯи ҷалол зарур аст, дар бар мегирифт.

**16,21** Мо *Тимотиюсро* медонем, ки дар имон писари Павлус буда, содиқона бо вай ҳамкорӣ мекард. Оид ба *Лукюс* мо ҳеҷ чиз намедонем, ғайр аз он ки вай, чун Павлус, аз яҳудиён буд. *Ёсун* ва *Сӯсипатрусро,* ки ҳамчунин яҳудӣ буданд, мо пештар низ вохӯрда будем (Аъм. 17,5 ва Аъм. 20,4).

**16,22** Павлус *номаи* худро ба шахсе дикта мекард, ки *Тартиюс* ном дошт. Номбурда озодона аз номи худ ба хонандагони оянда салом менависад.

**16,23** Дар Аҳди Нав чор бор одамон бо номи *Ғоюс* ёдовар мешаванд. Дар ин ҷо ва дар 1Қуринтиён 1,14, шояд, оид ба ҳамон як шахс сухан меравад. Вай барои меҳмондӯстиаш қадр карда шудааст, ва на танҳо нисбати Павлус, балки нисбати масеҳиёни дигар. *Арастус* хазинабони шаҳри Қуринтус буд. Лекин мо аниқ гуфта наметавонем, ки оё ин ҳамон шахсест, ки оид ба ӯ дар Аъмол 19,22 ва/ё

дар 2Тимотиюс 4,20 гуфта шудааст. *Квартус* танҳо *бародар* номида шудааст, лекин дар ин калима шараф ва қадру қимати зиёд маҳфуз аст!

**16,24** *«Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод»* дуои охирини ба Павлус хос. Он бо қисми дуюми ояти 20 мувофиқат мекунад, ба истиснои калимаи «ҳамаи шумо». Дар ҳақиқат аксари дастхатҳои Нома ба Румиён бо ин оят тамом мешаванд ва ҳамду санои оятҳои 25 то 27 дар охири боби 14 оварда мешавад.[57]

Дар Кодекси искандариягӣ (НА) ояти 20 вуҷуд надорад. Ҳам баракатдиҳӣ ва ҳам ҳамду сано тарзи хеле хуби хотима додани китоб аст. Ва дар охири ҳар ду *«Омин»* меистад.

Ҳамин тавр ин номаи шукӯҳманди Павлус хотима меёбад. Мо барои он аз Худо бениҳоят миннатдорем! Агар мо ин номаро намедоштем, чӣ маҳрумияте мебуд барои мо! *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (1,4) Баъзе илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки калимаҳои «рӯҳи қудсият» оид ба қуддусияти Худи Масеҳ хабар медиҳанд.
2. (1,29) Пай бурдан осон аст, ки чӣ хел баъзе рӯйнавискунандагони дастнависҳо бо иштибоҳ калимаҳоро оид ба фосиқии ҷинсӣ гирифта партофтаанд: дар забони юнонӣ калимаи «порнайя» аз рӯи навишт ба калимаи «понерия» (бадӣ) монанд аст.
3. (1,31) Дар ояти 31 панҷ калима бо маънои инкорӣ ҳаст, ки бо пешоянди инкории алфа сар мешаванд (муқоиса кунед: атеист «Худо нест»), ки аз рӯи сохт ба калимаҳои тоҷикии бо пешоянди «бе» ё «но» саршаванда монананд.
4. (2,4) A. P. Gibbs, *Preach and Teach the Word,* саҳ. 12/4.
5. (2,6) Lewis S. Chafer, *Systematic Theology,* ҷ. III саҳ. 376.
6. (оид ба гуноҳ) Ҳамон чиз ҳам барои забони ибронӣ, ҳам юнонӣ дуруст аст.
7. (3,24) Arthur T. Pierson, *Shall We Continue in Sin?,* саҳ. 23.
8. (3,24) Paul Van Gorder, in *Our Daily Bread.*
9. (3,30) Кренфилд ба он ишора мекунад (*Romans,* ҷ. I саҳ. 222), ки кӯшишҳои ёфтани фарқҳои нозук асоснок нестанд. Эҳтимол, Августин ҳақ буд, ки фарқро ба гуногуншаклии баён мансуб медонист.
10. (4,1) Ё таҷрибаи «бобокалони мо Иброҳим бар ҳасби ҷисм».
11. (4,13) *Daily Notes of the Scripture Union* (маълумотҳои дигар нест).
12. (4,19) Агарчи дар баъзе дастнависҳо «на» партофта шудааст, маънои асосӣ ҳамон аст.
13. (4,24) C. H. Mackintosh, *The Mackintosh Treasury: Miscellaneous Writings by C. H. Mackintosh,* саҳ. 66.
14. (6,1) J. Oswald Sanders, *Spiritual Problems,* саҳ. 112.
15. (6,5) Charles Hodge, *The Epistle to the Romans,* саҳ. 196.
16. (6,11) Ruth Paxson, *The Wealth, Walk, and Warfare of the Christian,* саҳ. 108.
17. (6,11) C. E. Macartney, *Macartney's Illustrations,* саҳ. 378,379.
18. (6,14) James Denney, *St. Paul's Epistle to the Romans, The Expositor's Greek Testament,* ҷ. II саҳ. 635.
19. (6,19) Charles Gahan, *Gleanings in Romans,* дар ҷои зикршуда.
20. (6,21) Marcus Rainsford, *Lectures on Romans VI,* саҳ. 172.
21. (6,21) Pierson, *Shall We Continue in Sin?,* саҳ. 45.
22. (7,15) Harry Foster, article in *Toward the Mark,* саҳ. 110.
23. (7,23) George Cutting, *The Old Nature and the New Birth* (китобча), саҳ. 33.
24. (8,1) Ақидае васеъ паҳн шудааст, ки калимаҳои «онҳое ... на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд» аз ояти 4 нодуруст рӯйбардор шуда буданд. Бо вуҷуди ин онҳо дар аксари дастнависҳо ҳастанд ва метавонанд тасвири иловагии одамони дар Масеҳ мезиста бошанд.
25. (8,10) Дар ин ҷо аниқ нест, оё Рӯҳулқудс дар назар дошта шудааст ё не. Мо чунин меҳисобем, ки «рӯҳ» дар ин ҷо бо маънои рӯҳи инсонии имондор истифода шудааст.
26. (8,15) (ниг. инчунин тавзеҳ ба 8,10) Дар ҳолати мазкур калимаи «рӯҳ» возеҳан на рӯҳи инсониро, балки кӯшиши муқобилият намудан ба ғуломиро ифода мекунад.
27. (8,18) Дар забони ибронӣ калимаи «ҷалол» аз феъли «вазнин будан» сохта шудааст ва яҳудиён ин суханбозиро ҳатто дар забони юнонӣ мефаҳмиданд.
28. (8,31) Ин ояти дӯстдоштаи Жан Калвин буд.
29. (8,32) C. H. Mackintosh, маълумотҳои дигар нест.
30. (8,37) Як тарҷумаи ниҳоят таҳтуллафзии ин оят чунин садо медиҳад: «Мо бештар аз ғолибон ҳастем».
31. (8,39) Ин калимаҳо, масалан, дар астрология истифода мешуданд.
32. (9,4) *The New Scofield Reference Bible,* саҳ. 1317.
33. (9,16) G. Campbell Morgan, *Searchlights from the Word,* саҳ. 335,336.
34. (9,21) Albert Barnes, *Barnes's Notes on the New Testament,* саҳ. 617.

35. (9,23) Charles R. Erdman, *The Epistle of Paul to the Romans,* саҳ. 109.
36. (10,10) William Kelly, *Notes on the Epistle to the Romans,* саҳ. 206.
37. (10,10) James Denney, истинод оварда мешавад аз Kenneth Wuest, *Romans in the Greek New Testament,* саҳ. 178.
38. (10,14) Hodge, *Romans,* саҳ. 545.
39. (11,1) Бо таассуф бояд зикр кунем, ки аксари ононе ки баракатҳои Исроилро ба калисо мансуб медонанд, лаънатҳои пешгӯишударо бо хушнудӣ ба Исроил вогузор мекунанд.
40. (11,32) George Williams, *The Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 871.
41. (11,33) Arthur W. Pink, *The Attributes of God,* саҳ. 13.
42. (12,1) Norman Grubb, C. T. Studd, *Cricketer and Pioneer,* саҳ. 141.
43. (12,6) Hodge, *Romans,* саҳ. 613.
44. (12,6) A. H. Strong, *Systematic Theology,* саҳ.12.
45. (12,19) R. C. H. Lenski, *St. Paul's Epistle to the Romans,* саҳ. 780.
46. (12,21) J. N. Darby, аз эзоҳот ба Рум. 12,21 дар *New Translation-и* вай.
47. (12,21) George Washington Carver, маълумотҳои дигар нест.
48. (12,21) Иқтибос оварда шуд аз Charles Swindoll in *Growing Strong in the Seasons of Life,* саҳ. 69,70.
49. (13,4) Ба феълҳои «қатл кардан» ва «нобуд кардан» дар забони ибронӣ феълҳои «қатал» ва «ҳараг» мувофиқат мекунанд. Дар Даҳ Фармуда феъли махсуси «куштан» («раҳатс») истифода мешавад; ва тарҷумаи юнонӣ низ ба ин мувофиқат мекунад.
50. (14,10) Дар баъзе дастнависҳои қадима ба ҷои «доварии Масеҳ» «доварии Худо» навишта шудааст. Лекин мо медонем, ки *Масеҳ* Довар хоҳад буд, чунки Падар ҳамаи довариро ба Ӯ додааст (Юҳ. 5,22).
51. (14,23) Merril F. Unger, *Unger's Bible Dictionary,* саҳ. 219.
52. (14,24) Зикри тарҷумон: Оятҳои 14,24-26 дар тарҷумаҳои дигари Навиштаи Муқаддас дар охири боби 16 воқеъ ҳастанд (ниг. ҳамчунин шарҳ ба 16,24).
53. (15,16) Morgan, *Searchlights,* саҳ. 337.
54. (15,30) Lenski, *Romans,* саҳ. 895.
55. (16,1) Дар асл ин ҷо калимаи «диаконос» («ходим», «диакон») истифода шудааст. Эҳтимол, калима дар ҷинси занона истифода мешуд, агар хизматгузории махсусе барои занон дар назар дошта мешуд.
56. (16,5) Дар ин ҷо дар НА калимаи «Осиё» истифода мешавад, лекин Қуринтус, ки Павлус шояд аз он ҷо менавишт, дар Охоия буд.
57. (16,24) Зикри тарҷумон: Оятҳои номбаршуда дар нусхаи тоҷикии Навиштаи Муқаддас дар боби 14,24-26 ҷойгир ҳастанд.

# Рӯйхати адабиёт

Cranfield, C. E. B.
*The Epistle to the Romans,* Vol. I (ICC),
Edinburgh: T. & T. Clark Ltd., 1975.

Denney. James.
*St. Paul's Epistle to the Romans, The Expositor's Creek Testament,* Vol. II.
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1961.

Erdman, C. R.
*The Epistle of Paul to the Romans.*
Philadelphia: The Westminster Press, 1925.

Gahan, Charles.
*Gleanings in Romans.*
Аз тарафи муаллиф нашршуда.

Hodge, Charles.
*Commentary on the Epistle to the Romans.*
New York: George H. Doran Company, 1886.

Kelly, William.
*Notes on the Epistle to the Romans.*
London: G. Morrish, 1873.

Lenski, R. C. H.
*St. Paul's Epistle to the Romans.*
Minneapolis: Augsburg Publishing House, 1961.

Newell, William R.
*Romans Verse by Verse.*
Chicago: Moody Press, 1938.

Rainsford, Marcus.
*Lectures on Romans VI.*
London: Charles J. Thynne, 1898.

Shedd, William G. T.
*A Critical and Doctrinal Commentary on the Epistle of St. Paul to the Romans.*
Grand Rapids: Zondervan, 1967.

Stifler, James M.
*The Epistle to the Romans: A Commentary Logical and Historical.*
Chicago: Moody Press, 1960.

Wuest, Kenneth S.
*Romans in the Greek New Testament.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1964.

# НОМАИ ЯКУМ БА ҚУРИНТИЁН

*Порчае аз таърихи ҷамоат, ки ҳамто надорад.*
Вайзекер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Номаи якум ба Қуринтиён – «китоби мушкилот» аст ба он маъно, ки Павлус дар он мушкилотеро («Дар бораи ...», «Дар хусуси ...») дида мебарояд, ки дар шаҳри фосиди Қуринтус дар пеши ҷамоат меистоданд. Дар ин сифат ин китоб ба ҷамоатҳои имрӯза, ки аз мушкилот азият мекашанд, махсусан даркор аст. Ҷудоӣ, чун қаҳрамонон парастидани роҳбарон, бадахлоқӣ, мубоҳисаҳо дар хусуси шариат, мушкилоти заношӯӣ, амалияи шубҳанок ва дастурҳо дар хусуси атоҳои рӯҳонӣ – ҳамаи инҳо дар ин ҷо муҳокима карда мешаванд.

Аммо чунин фикр кардан нодуруст мебуд, ки тамоми китоб ба мушкилот бахшида шудааст. Дар худи ҳамин нома дар боби 13 асари беҳтарин дар хусуси муҳаббат на танҳо дар Навиштаҳои Муқаддас, балки дар тамоми адабиёти ҷаҳонӣ ҳаст; таълимоти олӣ дар хусуси растохез – ҳам аз они Масеҳ, ҳам аз они мо (боби 15); насиҳатҳо дар хусуси иштирок дар шоми Худованд (боби 11); ҳукм дар хусуси дар хайрот саҳм доштан (боби 16).

Бе Номаи якум ба Қуринтиён мо хеле камбағалтар мебудем. Ин хазинаи таълимоти амалии масеҳист.

### II. МУАЛЛИФӢ

Ҳамаи олимон ҳамфикранд, ки Номаи якум ба Қуринтиёнро Павлус навиштааст. Баъзе муҳаққиқон (асосан либералӣ) тахмин мекунанд, ки дар мактуб «иловаҳои бегона» ҳастанд, аммо ин тахминҳои субъективӣ бо далелҳо-дастнависҳо тасдиқ намешаванд. 1Қуринтиён 5,9, аз афташ, ба мактуби пештараи Павлус (ба қонуни шаръӣ надаромада) истинод мекунад, ки онро қуринтиён нодуруст фаҳмида буданд.

*Шаҳодати берунӣ* ба фоидаи Қуринтиён хеле барвақтӣ мебошад. Клементи Румӣ (наздикии соли 95-уми милодӣ) китобро «номаи расули муборак Павлус» меномад. Низ ин китобро чунин муаллифони аввалини ҷамоат, ба монанди Поликарп, Юстини Риёзаткаш, Афенагор, Ириней, Клименти Искандариягӣ ва Тертуллиан иқтибос меоваранд. Он ба рӯйхати қонуни Мураторӣ дохил мешавад ва дар қонуни бидъаткоронаи Маркион «Апостоликон» аз пайи Нома ба Ғалотиён меояд.

*Шаҳодати дохилӣ* низ пурзӯр аст. Ба ғайр аз он ки муаллиф дар 1,1 ва 16,21 худро Павлус меномад, далелҳои вай дар 1,12-17; 3,4.6.22 ҳамчунин муаллифии Павлусро исбот мекунанд. Мувофиқатҳо бо Аъмол ва дигар номаҳои Павлус ва рӯҳияи қавии ғамхории расулона имконияти қалбакӣ будани онро рафъ карда, далелҳои аслӣ будани муаллифии онро кофӣ мегардонанд.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Павлус ба мо мегӯяд, ки аз Эфесус менависад (16,8.9, муқ. о. 19). Азбаски вай он ҷо дар давоми се сол меҳнат карда буд, аниқтараш, 1Қуринтиён дар нимаи дуюми ин хизмати дурудароз, яъне тақрибан дар соли 55 ё 56-уми милодӣ навишта шудааст. Баъзе олимон номаро ҳатто аз ин ҳам барвақттар санагузорӣ мекунанд.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Қуринтуси қадимӣ дар ҷануби Юнон, дар ғарби Атино ҷойгир буд (ва ҳаст). Дар замони Павлус ҷойгиршавии он муфид буд: аз шаҳр

роҳҳои савдо мегузаштанд. Он маркази калони савдои байналмилалӣ шуд, ба он нақлиёти бисёре меомад. Азбаски дини халқ фосид буд, шаҳр ба зудӣ маркази шаклҳои бадтарини бадахлоқӣ гардид, ба дараҷае ки худи номи «Қуринтус» тимсоли ҳама чизи нопок ва эҳсосотӣ шуд. Он ба андозае чун шаҳри фасодкор шуҳрат ёфт, ки ҳатто феъли нави «коринтиазомай» пайдо шуд, ки маъноящ «бадахлоқона зистан» аст.

Расул Павлус бори аввал ҳангоми сафари дуюми миссионерияш ба Қуринтус омада буд (Аъм. 18). Дар аввал вай ҳамроҳи Прискила ва Акило, ки монанди вай хайма месохтанд, дар байни яҳудиён меҳнат мекард. Аммо ҳангоме ки аксари яҳудиён мавъизаи вайро рад карданд, вай ба ғайрияҳудиёни Қуринтус муроҷиат кард. Ба воситаи мавъизаи Хушхабар ҷонҳо наҷот ёфтанд, ва ҷамоати нав ташкил шуд.

Тахминан баъди се сол, ҳангоме ки Павлус дар Эфесус мавъиза мекард, вай аз Қуринтус мактубе гирифт. Он аз мушкилоти ҷиддие хабар медод, ки ҷамоат ба онҳо дучор шудааст. Дар мактуб инчунин саволҳои гуногун дар хусуси ҳаёти масеҳиёна буданд. Дар ҷавоби ин мактуб вай Номаи якум ба Қуринтиёнро навишт.

Мавзуи Нома чӣ тавр ислоҳ кардани ҷамоати дунявӣ ва ҷисмонӣ мебошад, ки нисбати афкор, хатоҳо ва амалҳое ки боиси хавотиршавии расул Павлус буданд, сабукфикрона муносибат мекард. Чунон ки Моффатт аниқ ифода намудааст, «ҷамоат дар ҷаҳон буд, чунон ки бояд бошад, аммо ҷаҳон низ дар ҷамоат буд, ки набояд чунин бошад».

Азбаски ин гуна вазъият ҳанӯз ҳам дар баъзе ҷамоатҳо дида мешавад, аҳамияти Номаи якум ба Қуринтиён ҳамешагӣ мебошад.

## Нақша

I. МУАДДИМА (1,1-9)
- А. Дуруд (1,1-3)
- Б. Сипосгузорӣ (1,4-9)

II. НОБАСОМОНИҲО ДАР ҶАМОАТ (1,10–6,20)
- А. Ҷудоӣ дар байни масеҳиён (1,10–4,21)
- Б. Бадахлоқӣ дар байни масеҳиён (Б. 5)
- В. Мурофиаҳо дар байни масеҳиён (6,1-11)
- Г. Фосиқӣ дар байни масеҳиён (6,12-20)

III. ҶАВОБИ РАСУЛ БА САВОЛҲОИ ҶАМОАТ (Б. 7-14)
- А. Дар хусуси никоҳ ва муҷаррадӣ (Б. 7)
- Б. Дар хусуси хӯрдани гӯшти ба бутҳо қурбонишуда (8,1–11,1)
- В. Дар хусуси пӯшиши сар барои занон (11,2-16)
- Г. Дар хусуси Шоми Худованд (11,17-34)
- Ғ. Дар хусуси атоҳои Рӯҳ ва истифодаи онҳо дар ҷамоат (Б. 12–14)

IV. ҶАВОБИ ПАВЛУС БА ИНКОРКУНАНДАГОНИ РАСТОХЕЗ (Б. 15)
- А. Бешубҳагии растохез (15,1-34)
- Б. Раддия ба далелҳои зидди растохез (15,35-57)
- В. Даъвати хотимавӣ дар партави растохез (15,58)

V. НАСИҲАТИ ХОТИМАВӢ (Б. 16)
- А. Оиди ҷамъ кардани пул (16,1-4)
- Б. Дар хусуси нақшаҳои шахсии худ (16,5-9)
- В. Насиҳатҳо ва дурудҳои хотимавӣ (16,10-24)

# Тафсир

## I. МУҚАДДИМА (1,1-9)

### А. Дуруд (1,1-3)

**1,1** Дар роҳи Димишқ *Павлус расули даъватшудаи Исои Масеҳ* гардид. Ин даъват на аз одамон, балки бевосита аз Худи Исои Масеҳ бармеомад. «*Расул*» айнан маънои «фиристодашуда»-ро дорад. Расулҳои аввалин шоҳидони растохези Масеҳ буданд. Онҳо ҳамчунин барои исботи он ки хабари мавъиза мекардаашон аз Худо бармеояд, муъҷизаҳо ба амал оварда метавонистанд. Павлус ҳақиқатан суханони Герхард Терстигенро такрор карда метавонист:

*Масеҳ, Писари Худо, маро мефиристад*
*Ба заминҳои нимишабӣ.*
*Ман рутбаи динӣ қабул кардам,*
*Аз дастони сӯрохшудаи Ӯ.*

Ҳангоме ки Павлус менавишт, дар назди вай *бародар Сустинис* буд, бинобар ин Павлус номи вайро низ ба дуруд дохил мекунад. Аниқ гуфтан наметавонем, ки оё ин ҳамон Сустинис аст, ки дар Аъмол 18,17 зикр мешавад – сардори куништ, ки юнониён ӯро дар назди омма зарбу лат карда буданд. Эҳтимол, он сардори куништ ба воситаи мавъизаи Павлус наҷот ёфта буд ва акнун ба вай дар мавъизаи Хушхабар ёрӣ медод.

**1,2** Мактуб пеш аз ҳама *ба ҷамоати Худо, ки дар Қуринтус аст*, навишта шудааст. Он факт касро шод ва рӯҳбаланд мекунад, ки дар рӯи замин чунон ҷои ахлоқан фосид вуҷуд надорад, ки он ҷо ҷамоати ба Худо тааллуқдоштаро ташкил додан номумкин бошад. Сипас ҷамоат дар Қуринтус чун *муқаддасони даъватшуда, ки дар Масеҳ Исо муқаддас гардидаанд,* тасвир мешавад. «*Муқаддасгардидагон*» ин ҷо онҳое мебошанд, ки «аз ҷаҳон барои Худо ҷудо карда шудаанд»; бо ин калима мавқеи ҳамаи онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, тавсиф карда мешавад. Агар сухан дар хусуси вазъияти амалӣ равад, онҳо бояд ҳар рӯз муқаддасона зиста, худро ҷудо кунанд.

Баъзеҳо изҳор мекунанд, ки муқаддасшавӣ (покшавӣ) – амали махсуси файз аст, ки табиати гуноҳолуди инсонро решакан мекунад. Ин оят чунин таълимро рад мекунад. Масеҳиёни Қуринтус аз покии амалие ки бояд дар ҳаёти имондор зоҳир шавад, дур буданд, аммо факт факт мемонад: онҳо мавқеи аз тарафи Худо *муқаддасгардидагонро* ишғол менамуданд.

Чун муқаддасон онҳо аъзои бародарии бузург буданд: *муқаддасони даъватшуда, бо ҳамаи онҳое ки дар ҳар ҷо номи Худованди мо Исои Масеҳро мехонанд*. Агарчи насиҳатҳо дар ин Нома ба муқаддасони Қуринтус равона карда шудаанд, онҳо ҳамчунин барои ҳамаи аъзоёни бародарии умумиҷаҳонӣ мебошанд, ки Худованд Исоро эътироф мекунанд.

**1,3** Номаи якум ба Қуринтиён ба маънои махсус нома дар хусуси ҳукмфармоии Масеҳ аст. Мушкилоти бисёреро дар ҳаёти ҷамоат ва одамони алоҳида муҳокима намуда, муаллиф доимо ба хонандагон ёдрас мекунад, ки Исои Масеҳ Худованд аст ва дарки ин ҳақиқати бузург бояд дар ҳар коре ки мо мекунем, ҳамроҳ бошад.

Ояти 3 дурудест, ки ба Павлус хос аст. Дар суханони «*файз ва осоиш*» вай тамоми Хушхабарро ба таври кӯтоҳ баён мекунад. Файз сарчашмаи ҳама гуна некӯист, осоиш бошад – натиҷаи қабул кардани файзи Худост, ки ҳаёти одамро пур мекунад. Ин баракатҳои азим *аз ҷониби Падари мо Худо ва Худованд Исои Масеҳ* бармеоянд. Павлус бе ягон лакнате, бо як нафас *Худованд Исои Масеҳро* дар бари *Падари мо Худо* зикр мекунад. Ин яке аз садҳо ин гуна ифодаҳо дар Аҳди Нав аст, ки дар онҳо бо Худо Падар баробар будани Худованд Исо зикр шудааст.

### Б. Сипосгузорӣ (1,4-9)

**1,4** Дурудро ба анҷом расонда, расул ба сипосгузорӣ барои қуринтиён ва барои кори ҳайратовари Худо, ки дар ҳаёти онҳо зоҳир шудааст, мегузарад (о. 4-9). Ҷиҳати олиҳимматона дар ҳаёти Павлус хоҳиши доимии дар ҳаёти бародарони масеҳиаш дарёфтани чизи сазовори сипосгузорӣ буд. Агар ҳаёти амалии онҳо на он қадар сазовори таҳсин бошад, вай, ақаллан, *Худоро* барои он чи Ӯ баҳри онҳо кардааст, *шукр* мегуфт. Ин ҷо маҳз ҳамон ҳолат аст. Қуринтиён, чунон ки мо мегуфтем, масеҳиёни рӯҳонӣ набуданд. Аммо Павлус ба ҳар ҳол метавонад барои *файзи Худо, ки ба онҳо дар Масеҳ Исои ато шудааст,* шукр гӯяд.

**1,5** Файзи Худо, ки ба қуринтиён ато шуда буд, махсусан дар он зоҳир гашт, ки атоҳои Рӯҳулқудс ба онҳо ба таври фаровон ато шуда буданд. Павлус атои *сухан ва ҳар донишро* зикр мекунад; ин, аз афташ, маънои онро дорад, ки ба қуринтиён атои забонҳо, тафсири забонҳо ва донишҳои фавқулода ато шуда буд. *Сухан* бо ифодаи зоҳирӣ алоқаманд аст, *дониш* бошад – бо фаҳмиши ботинӣ.

**1,6** Дорои ин атоҳо будан тасдиқи он буд, ки Худо кори Худро дар ҳаёти онҳо ба амал оварда истодааст, ва Павлус ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме ки мегуфт: *Зеро шаҳодати Масеҳ дар шумо устувор гардидааст.* Онҳо *шаҳодати Масеҳро* шунида буданд, онҳо онро аз рӯи имон қабул карда буданд, ва Худо ба онҳо ин имкониятҳои муъҷизанокро дода, шаҳодат дод, ки онҳо ҳақиқатан наҷот ёфтаанд.

**1,7** Дар мавриди дорои атоҳо будан ҷамоати Қуринтус аз ҳеҷ кадом ҷамоати дигар камӣ надошт. Аммо танҳо дорои атоҳо будан худ аз худ нишонаи зиндагии ҳақиқатан рӯҳонӣ набуд. Дар амал Павлус Худоро барои он чизе шукр мегуфт, ки худи қуринтиён бевосита ҷавобгар набуданд. Худованди ба осмон рафта атоҳоро новобаста ба сазовории шахсии одам медиҳад. Агар одам ягон хел ато дошта бошад, вай набояд аз он фахр кунад, балки бо фурӯтанӣ барои Худованд ба кор барад.

Самарҳои Рӯҳ чизи тамоман дигар аст. Ин ҷо он чиз муҳим аст, ки одам худро то чӣ андоза ба назорати Рӯҳулқудс тобеъ кардааст. Расул қуринтиёнро на барои дар ҳаёташон зоҳир шудани самарҳои Рӯҳ, балки танҳо барои он чизе таҳсин карда метавонист, ки Худованд аз рӯи қудрати Худ ба онҳо ато кардааст ва он тамоман таҳти назорати онҳо набуд.

Сипас дар ин Нома расулро лозим меояд, ки муқаддасонро барои суиистифода аз ин атоҳо мазаммат кунад, аммо ин ҷо вай изҳори сипос мекунад, ки онҳо ин бахшошҳоро ба ин андозаи ғайриодӣ гирифтаанд.

Қуринтиён *мунтазири ошкор шудани Худованди мо Исои Масеҳ* буданд. Муҳаққиқони Навиштаҳои Муқаддас ихтилофи ақида доранд, ки оё ин ба бозомадани Масеҳ барои муқаддасон (1Тас. 4,13-18), ба бозомадани Масеҳ бо муқаддасонаш (2Тас. 1,6-10) ё ба ҳар ду дахл дорад. Дар мавриди якум Масеҳ танҳо ба масеҳиён зоҳир мешавад, дар мавриди дуюм бошад Ӯ ба тамоми ҷаҳон зоҳир мешавад. Масеҳӣ ҳам ба осмон гирифта шуданро, ҳам зуҳури пурҷалоли Масеҳро бо майли гарму ҷӯшон интизор аст.

**1,8** Павлус изҳори боварӣ мекунад, ки Худованд муқаддасонро *то ба охир устувор мекунад, то* онҳо *дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ беайб* бошанд. Ва боз ҳайратовар аст, ки Павлус на барои он чи қуринтиён кардаанд, балки барои он чи Худо хоҳад кард, шукр мегӯяд. Азбаски онҳо ба Масеҳ таваккал кардаанд, ва Худо ба онҳо атоҳо ато карда, инро тасдиқ кардааст, Павлус боварӣ дошт, ки Худо онҳоро барои Худ нигаҳдорӣ мекунад, то даме ки Масеҳ барои халқи Худ биёяд.

**1,9** Некбинии Павлус нисбати қуринтиён дар амин будани *Худо* асос ёфтааст, ки онҳоро *ба мушоракати Писари Худ даъват намудааст.* Вай медонад, ки Худо нархи гаронеро додааст, то ки онҳо шарики ҳаёти *Худованди мо* шуда тавонанд, ва бинобар ин ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳад, ки онҳо аз дасташ латжида раванд.

## II. НОБАСОМОНИҲО ДАР ҶАМОАТ (1,10–6,20)

### А. Ҷудоӣ дар байни масеҳиён (1,10–4,21)

**1,10** Акнун расул тайёр аст ба муҳокимаи масъалаи *ҷудоиҳо* дар ҷамоат сар кунад (1,10-4,21). Вай аз насиҳати меҳрубонона сар карда, ба ягонагӣ даъват мекунад. Ба ҷои он ки бо қудрати расулона амр кунад, вай бо мулоимати бародарона илтиҷо мекунад. Дар асоси даъват ба ягонагӣ – *номи Худованди мо Исои Масеҳ* аст, ва азбаски ном маънои Шахсиятро дорад, дар асоси даъват – кӣ будани Худованд Исо ва ҳамаи он чи Ӯ кардааст, мебошад. Қуринтиён номҳои одамонро болобардор мекарданд; ин фақат боиси ҷудоиҳо мешуд. Павлус танҳо номи Худованд Исоро болобардор хоҳад кард, зеро медонад, ки ин ягона роҳест ба ягонагӣ дар байни фарзандони Худо. *Айни як суханро гуфтан* – яъне *дар як фикр муттаҳид будан,* дар ризоият будан аст. Ин маънои дар садоқат ва вафодорӣ муттаҳид шуданро дорад. Ин гуна муттаҳидӣ он вақт имконпазир аст, ки масеҳиён чун Масеҳ андеша мекунанд. Дар оятҳои баъдина Павлус нақл мекунад, ки чӣ

гуна онҳо метавонанд чун Масеҳ андеша намоянд.

**1,11** Хабари баҳсу мунозира дар Қуринтус ба Павлус *аз аҳли хонаи Хлӯӣ* расид. Хабаррасонҳои худро номбар карда, Павлус ин ҷо принсипи муҳими рафтори масеҳиёнаро бунёд мегузорад. Мо набояд хабарҳоро дар хусуси бародаронамон (масеҳиён) паҳн намоем, агар нахоҳем, ки дар айни ҳол номи мо зикр карда шавад. Пайравӣ ба ин намуна имрӯзҳо ғайбатгӯиҳоро – балои Ҷамоати замони моро пешгирӣ мекард.

**1,12** Дар ҷамоати маҳаллӣ фирқаҳо ё гурӯҳҳое пайдо мешуданд, ки ҳар кадомашон касеро роҳбари худ эълон мекарданд. Баъзеҳо *Павлусро,* дигарон *Апӯллӯсро,* сеюмиҳо *Кифоро* (Петрусро) тарҷеҳ медоданд. Баъзеҳо ҳатто изҳор мекарданд, ки аз они *Масеҳ* ҳастанд, ва, аз афташ, дар назар доштанд, ки бар хилофи ҳамаи дигарон, танҳо онҳо ба Ӯ тааллуқ доранд!

**1,13** Дар оятҳои 13-17 Павлус фирқагариро бо хашм маҳкум мекунад. Дар Ҷамоат пайдо шудани фирқаҳо ягонагии Бадани *Масеҳро* инкор мекард. Ба доҳиён-одамон пайравӣ кардан – сарфи назар кардани Он Касест, ки барои онҳо ба салиб кашида шуда буд. Худро ба номи касе номбар кардан фаромӯш кардани он аст, ки онҳо бо таъмид вафодорияшонро ба Худованд Исо тасдиқ кардаанд.

**1,14** Афзудани миқдори гурӯҳҳо дар Қуринтус Павлусро водор намуд, то *Худоро шукр* гӯяд, ки фақат баъзеҳоро аз он ҷамоат таъмид додааст. Павлус дар байни онҳое ки таъмид дода буд, *Криспус ва Ғоюсро* номбар мекунад.

**1,15-16** Вай намехост, то касе гӯяд, ки вай *ба номи худ таъмид* додааст. Дигар хел карда гӯем, вай намехост бозгашткардагонро ба худ ҷалб кунад ё ном бароварад. Мақсади ягонаи вай – барои одамон сӯи Худованд Исои Масеҳ ишора намудан аст.

Ҳангоми андешаронии минбаъда Павлус ва ёд овард, ки *аҳли хонаи Истефанусро таъмид додааст,* аммо дар хотир надорад, ки *каси дигареро* таъмид дода бошад.

**1,17** Вай мефаҳмонад, ки Масеҳ вайро пеш аз ҳама на барои *таъмид* додан, балки барои *башорат* додан фиристодааст. Ин тамоман маънои онро надорад, ки Павлус ба таъмиди масеҳӣ боварӣ надошт. Вай аллакай баъзе касонеро, ки таъмид дода буд, номбар кард. Аниқтараш ин маънои онро дорад, ки таъмид додан кори асосии вай набуд; шояд, вай ин корро ба дигарон, эҳтимол, ба баъзе масеҳиёни ҷамоати маҳаллӣ вогузор карда буд. Аммо ин оят зидди тасдиқоте шаҳодат медиҳад, ки гӯё барои наҷот ёфтан таъмид муҳим аст. Агар ин дуруст мебуд, Павлус ин ҷо барои он шукр мегуфт, ки ба ғайр аз Криспус ва Ғоюс ҳеҷ каси дигареро наҷот надодааст! Чунин тахмин нодуруст аст.

Дар қисми охири ояти 17 Павлус ба осонӣ ба оятҳои минбаъда мегузарад. Вай *на дар ҳикмати суханварӣ* мужда медиҳад, *то салиби Масеҳ бетаъсир нашавад.* Вай медонист, ки ба андозае ки маҳорати нотиқӣ, ё санъати сухангӯии вай ба одамон таъсир бахшида бошад, маҳз ба ҳамон андоза вай дар кӯшиши ба мадди аввал гузоштани аҳамияти *салиби Масеҳ* ноком гардидааст.

Мо оятҳои зеринро беҳтар фаҳмида метавонем, агар дар ёд нигоҳ дорем, ки қуринтиёни юнонӣ ҳикмати одамиро баланд қадр мекарданд. Онҳо ба файласуфони худ чун ба қаҳрамонони халқӣ муносибат мекарданд. Аз афташ, ба андозае ин рӯҳия ба ҷамоати Қуринтус низ роҳ ёфт. Дар он хоҳишмандони ба равшанфикрон мақбултар кардани Хушхабар пайдо шуданд. Онҳо чунин мешумориданд, ки он дар байни олимон ҷиддӣ қабул карда намешавад, бинобар ин мехостанд хабарро бештар ақлӣ кунанд. Аз афташ, чунин парастиши ақлонагӣ яке аз сабабҳое буд, ки боиси пайдо шудани гурӯҳҳо дар атрофи шахсони боэътибор гардид. Кӯшишҳои мақбултар гардондани Хушхабар иштибоҳи маҳз аст. Хиради илоҳӣ аз ҳикмати инсонӣ хеле фарқ мекунад, ва онҳоро бо ҳам оштӣ додан маъно надорад.

Павлус нишон медиҳад, ки болобардор кардани одамон аблаҳона аст, ва ин бо табиати аслии Хушхабар мувофиқат намекунад (1,18-3,4). Пеш аз ҳама вай зикр мекунад, ки паёми салиб бо ҳамаи он чи одамон ҳикмати ҳақиқӣ меҳисобанд, мухолиф аст (1,18-25).

**1,18** *Паёми салиб барои гирифторони ҳалокат беақлӣ аст.*

Чунон ки Барнс бамаврид гуфтааст:

*Марг дар салиб бо тасаввурот дар хусуси ҳама чизи нанговар ва бешарафона фикран монанд карда мешуд; ва хабар дар хусуси наҷот танҳо ба василаи азобҳо ва марги шахси ба*

*салиб кашидашуда дар дили ин гуна одамон фақат нафратро бедор мекард.*[1]

Юнониён хирадро дӯст медоштанд (маънои таҳтуллафзии «фалсафа»). Аммо дар Хушхабар барои аз дониш фахр кардани онҳо чизи ҷолибе набуд.

Барои онҳое *ки дар роҳи наҷот ҳастанд,* Хушхабар *қуввати Худост.* Онҳо хабарро мешунаванд, онро бо имон қабул мекунанд, ва дар ҳаёти онҳо муъҷизаи зодашавии рӯҳонӣ ба амал меояд. Ба баёни ботантанаи ин оят таваҷҷуҳ намоед: танҳо ду синфи одамон ҳастанд – гирифторони ҳалокат ва наҷотёфтагон. Ҳеҷ ҳолати мобайнӣ нест. Одамон ҳикмати одамии худро дӯст дошта метавонанд, аммо фақат Хушхабар ба сӯи наҷот мебарад.

**1,19** Ҳанӯз Ишаъё пешгӯӣ карда буд, ки Хушхабар зидди ҳикмати одамӣ хоҳад баромад (Иш. 29,14): *«Ҳикмати ҳакимонро ба ҳалокат хоҳам расонд ва ақли оқилонро нопадид хоҳам кард».*

С. Люис Ҷонсон дар «Тафсирҳои Виклиф ба Навиштаҳои Муқаддас» зикр мекунад, ки дар матн *«ин суханон – сиёсати «ҳакимон»-и Яҳудоро маҳкум кардани Худост, ки онҳо бо Миср иттифоқ бастанӣ буданд, то ба таҳдиди Санҳериб муқобилат карда тавонанд».*[2] Ҳақ асту рост, ки Худоро хуш меояд ба мақсадҳои Худ бо воситаҳое расад, ки барои одамон аблаҳона менамоянд. Ӯ бисёр вақт усулҳоеро ба кор мебарад, ки боиси тамасхури ҳакимони ин ҷаҳон шуда метавонистанд, аммо бо вуҷуди ин онҳо бо аниқӣ ва таъсирбахшии ҳайратовар ба мақсад мерасанд. Масалан, ҳикмати одамӣ одамонро бовар мекунонад, ки онҳо метавонанд наҷотро бо амалҳо ба даст оваранд. Хушхабар тамоми кӯшишҳои инсониро барои наҷот додани худ рад мекунад ва Масеҳро чун ягона роҳ ба сӯи Худо пешниҳод мекунад.

**1,20** Сипас Павлус саволи ҷасурона медиҳад: *«Куҷост хирадманд? Куҷост китобдон? Куҷост файласуфи ин ҷаҳон?»* Оё Худо ҳангоми тартиб додани нақшаи наҷот бо онҳо машварат карда буд? Агар онҳо ба ҳикмати худ такя мекарданд, оё умуман ҳамин гуна нақшаи наҷотро тартиб дода метавонистанд? Оё онҳо ягон чизеро аз гуфтаҳои Худо рад карда метавонанд? Ҷавоб ба ин – қатъиян «не!» аст. *Худо ҳикмати ин ҷаҳонро ба нодонӣ табдил додааст.*

**1,21** Одам бо *ҳикмати* худ Худоро шинохта наметавонад. Дар тули асрҳо Худо ба инсоният чунин имконияtро медод, аммо натиҷааш ҳамеша нокомӣ буд. Сипас *Худо чунин писандид,* ки салибро мавъиза кунад, то ки *имондоронро наҷот диҳад, ва ин мавъиза* ба одамон беақлӣ метофт. Беақлии мавъиза гуфта, салиб дар назар дошта шудааст. Албатта, мо медонем, ки ин на нодонӣ ва на аблаҳист, аммо барои хиради бемаърифати одамӣ ин аблаҳӣ менамояд. Годет гуфтааст, ки ояти 21 тамоми фалсафаи таърихро, мундариҷаи ҷилдҳои зиёдеро дар бар мегирад. Шитобкорона аз пеши он гузаштан лозим нест, дар бораи ҳақиқатҳои бузурги онҳо андеша кардан лозим аст.

**1,22** *Яҳудиён* одат кардаанд, ки *муъҷизаҳо* талаб кунанд. Онҳо чунин мавқеъро ишғол мекарданд: Агар ба мо муъҷиза нишон диҳанд, бовар мекунем. Дар навбати худ, *юнониён ҳикмат* меҷустанд. Онҳо шавқманди муҳокимарониҳо, далелҳо ва мантиқи инсонӣ буданд.

**1,23** Аммо Павлус ба хоҳишҳои онҳо хуш омадан нахост. Вай мегӯяд: *«Мо Масеҳи ба салиб кашидашударо мавъиза мекунем»* Чунон ки касе гуфтааст, «вай яҳудии дӯстдори аломатҳо ё юнонии дӯстдори ҳикмат набуд, балки масеҳии дӯстдори Наҷотдиҳанда буд».

*Барои яҳудиён* Масеҳи ба салиб кашидашуда *васваса* буд. Онҳо дар интизори сарлашкари пуриқтидоре буданд, ки онҳоро аз асорати Рум озод кунад. Хушхабар ба ҷои ин ба онҳо Наҷотдиҳандаеро пешниҳод намуд, ки ба салиби шармандагӣ мехкӯб шуда буд. Барои *юнониён* Масеҳи ба салиб кашидашуда *беақлӣ* буд. Онҳо фаҳмида наметавонистанд, ки Касе ки чунон, ба андешаи онҳо, суст ва беталеъ мурд, мушкилоти онҳоро умуман чӣ гуна ҳал карда метавонад.

**1,24** Агарчи аҷиб менамояд, аммо маҳз ҳамон чизеро, ки яҳудиён ва ғайрияҳудиён меҷустанд, ба таври ҳайратовар дар Худованд Исо пайдо кардан мумкин аст. Барои онҳое ки даъвати Ӯро мешунаванд ва ба Ӯ боварӣ мекунанд, барои яҳудиён ва юнониён, *Масеҳ қуввати Худо ва ҳикмати Худо* мешавад.

**1,25** Дар асл дар Худо ҳеҷ гуна сустӣ ва аблаҳӣ нест. Дар ояти 25 расул мегӯяд, ки он чи дар *Худо беақлӣ* менамояд (аз нуқтаи назари одамон), дар асл аз беҳтарин зуҳуроти

одамон *пурҳикматтар аст.* Ва он чи *нотавонии Худо* метобад, аз ҳамаи он чи одамон карда метавонанд, *тавонотар аст.*

**1,26** Дар бораи худи Хушхабар сухан ронда, расул ба онҳое назар меандозад, ки Худо онҳоро ба воситаи Хушхабар даъват менамояд (о. 26-29). Вай ба қуринтиён ёдрас мекунад, ки дар байни даъватшудагон *бисёре ба ҳасби ҷисм хирадманд нестанд, бисёре тавоно нестанд, бисёре ашрофзода нестанд.* Бисёр вақт таъкид карда мешавад, ки дар матн на «ҳеҷ кас .... нест», балки *«бисёре ... нестанд»* гуфта шудааст. Ин фарқи хурд ба як хонумаи англис имкон дод, то бигӯяд, ки вай бо як калима наҷот ёфтааст.

Худи қуринтиён ба табақаи хирадмандони ҷамъият тааллуқ надоштанд. Онҳоро на фалсафаи бодабдаба, балки Хушхабар мафтун кард. Пас чаро онҳо ҳикмати одамиро ин қадар эҳтиром мекарданд? Чаро онҳо воизонеро, ки Хушхабарро барои ҳикмати ҷаҳониён мақбул карданӣ мешуданд, болобардор мекарданд?

Агар одамон ҷамоат бунёд карданӣ шаванд, онҳо аъзоёни намоёнтарини ҷамъиятро ҷалб карданӣ мешаванд. Аммо ояти 26 ба мо таълим медиҳад, ки Худо онҳоеро, ки одамон бештар қадршиносӣ мекунанд, сарфи назар мекунад. Одатан Ӯ на онҳоеро даъват мекунад, ки ин ҷаҳон болобардор мекунад.

**1,27** *Худо нодонони ҷаҳонро интихоб кард, то ки ҳакимонро шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро интихоб кард, то ки тавонгаронро шарманда кунад.*

Чунон ки Эрих Зауэр мегӯяд:

*Ҳар қадаре ки мавод содатар бошад, ҳунарманд сазовори шарафи бештаре мегардад (агар ҳамон дараҷаеро дар санъат ба даст овардааст); ҳар қадар лашкар камтар бошад, кишваркушо сазовори ситоиши бештаре (агар ҳамин гуна ғалабаи азим ба даст овардааст) мешавад.*[3]

Худо карнайҳоро интихоб кард, то деворҳои Ариҳоро вайрон кунад. Ӯ лашкари Ҷидъунро аз 32 000 то 300 нафар кам кард, то лашкареро гурезон кунад. Вай ба Шамҷар калтаки говрониро дод, то фалиштиёнро зада кушад. Ӯ Шимшӯнро аз қувва пур кард, то лашкареро бо ҷоғи хар мағлуб кунад. Ва боз Худованди мо зиёда аз панҷ ҳазор мардро танҳо бо якчанд нон ва моҳӣ сер кард.

**1,28** Павлус номгӯйро, ки касе онро «панҷ рутба дар лашкари илоҳии беақлон» номидааст, ба анҷом расонида, *он чиро, ки барои ҷаҳон паст ва ҳақир аст,* илова мекунад. Ин гуна моводи номувофиқро истифода бурда, Худо *он чиро, ки ҳаст, ҳеҷ гардонд.* Дигар хел карда гӯем, Ӯ қабул кардани одамони дар назари ҷаҳониён ночизро дӯст медорад, то ки Худро ҷалол диҳад. Ин оятҳо бояд чун мазаммат барои масеҳиёне садо диҳанд, ки ба шахсони номдор ва машҳур тамаллуқ карда, ба муқаддасони хоксортари Худо аҳамият намедиҳанд.

**1,29** Худо шахсони барои ҷаҳон беқадрро танҳо барои он интихоб мекунад, ки тамоми ҷалол на ба инсон, балки ба Ӯ тааллуқ дошта бошад. Наҷот амали дастони Ӯст, ва фақат Ӯ сазовори ҳамду саност.

**1,30** Ояти 30 боз бештар таъкид мекунад, ки ҳар он кӣ мо ҳастем, ва ҳар он чи мо дорем, на аз фалсафа, балки аз Ӯ бармеояд, бинобар ин одам ҳеҷ чизи шоёни таҳсин надорад. Аввалан, *Масеҳ барои мо ҳикмат шудааст.* Ӯ ҳикмати Худост (о. 24), Оне ки ҳикмати Худо Ӯро чун роҳи наҷот интихоб кардааст. Ӯро доро буда, мо аз худи мавқеи худ ҳикматеро дорем, ки наҷоти пурраи моро кафолат медиҳад. Сониян, Ӯ *росткории* мост. Мо аз рӯи имон ба Ӯ дар назди Худои қуддус росткор ҳисобида мешавем. Сеюм, Ӯ *муқаддасшавии* мост. Мо барои муқаддасшавии худ ҳеҷ кор карда наметавонем, аммо дар Ӯ мо аз рӯи мавқеъ муқаддас шудаем, ва бо қувваи Ӯ дар мо аз як зинаи муқаддасшавӣ ба зинаи дигари он тағйиротҳо ба амал меоянд. Ва ниҳоят, Ӯ *раҳоии* мост. Ин ҷо, бешубҳа, сухан дар хусуси наҷоти ниҳоӣ меравад, ҳангоме ки Худованд омада, моро ба хона мебарад, ки он ҷо мо бо Ӯ хоҳем буд, ва рӯҳ, ҷон ва ҷисми мо раҳо карда мешаванд.

Трейлл ин ҳақиқатро аниқ муайян мекунад:

*Ҳикмат берун аз Масеҳ беақлии ҳалокатовар аст; росткорӣ берун аз Масеҳ айбдорӣ ва маҳкумият аст; покшавӣ берун аз Масеҳ ифлосӣ ва гуноҳ аст; наҷот берун аз Масеҳ вобастагӣ ва ғуломист.*[4]

А. Т. Пиерсон ояти 30-ро бо ҳаёт ва хизмати Худованди мо алоқаманд мекунад:

*Корҳои Ӯ, суханони Ӯ ва рафтори Ӯ нишон медиҳанд, ки Ӯ ҳикмати Худост. Сипас марг, дафн ва растохези Ӯ: онҳо бо росткории мо алоқаманданд. Сипас гаштугузори ҷилрӯзаи Ӯ*

*дар байни одамон, ба осмон рафтани Ӯ, ки баъди он Ӯ Рӯҳро фиристод ва дар тарафи дасти рости Худо бинишаст, – ин ба муқаддасшавии мо дахл дорад. Ва, дар охир, бозомадани Ӯ, ки бо наҷоти мо дахл дорад.*[5]

**1,31** Худо муқаррар намуд, ки тамоми ин некӯиҳо ба мо дар *Худованд* дода шаванд. Бинобар ин Павлус бовар мекунонад: «Одамонро ҷалол додан чӣ даркор аст? Онҳо барои шумо ҳеҷ чизи дар боло зикршударо карда наметавонанд».

**2,1** Акнун расул ба муқаддасон дар хусуси хизмати Худ дар байни онҳо ёдрас мекунад, дар хусуси он ки Ӯ кӯшиш мекард на худро, балки Худоро ҷалол диҳад. Ӯ ба назди онҳо омад, то *шаҳодати Худоро на бо суханпардозӣ ё ҳикмат* расонад. Вай саъй намекард, ки худро чун нотиқ ё файласуф нишон диҳад. Ин далели он аст, ки расул Павлус фарқи байни хизмати нафсонӣ ва хизмати рӯҳониро мефаҳмид. Хизмати нафсонӣ гуфта мо хизматеро мефаҳмем, ки хурсанд мекунад, вақтхуш менамояд ё умуман ба эҳсосоти одам муроҷиат мекунад. Хизмати рӯҳонӣ, баръакс, ҳақиқати Каломи Худоро чунон нишон медиҳад, ки Масеҳро ҷалол диҳад ва ба виҷдону дили шунаванда таъсир расонад.

**2,2** Мазмуни мавъизаи Павлус *Исои Масеҳи ба салиб кашидашуда буд*. Калимаҳои *«Исои Масеҳ»* ба шахсияти Ӯ ишорат мекунанд, «ба салиб кашидашуда» – ба кори Ӯ. Шахсият ва кори Худованд Исо моҳияти Хушхабари масеҳист.

**2,3** Сипас Павлус таъкид мекунад, ки рафтори шахсии вай таъсирбахш ё дилкаш набуд. Вай бо қуринтиён *дар нотавонӣ ва тарсу ларзи бузурге* буд. Хазинаи Хушхабари вай дар зарфи гилин буд, то ки бартарии қувва на ба Павлус, балки ба Худо тааллуқ дошта бошад. Вай намунаи он буд, ки чӣ гуна Худо нотавононро ба кор мебарад, то ки пурқудратонро ҳайрон кунад.

**2,4** Ҳам *каломи* Павлус ва ҳам *мавъизаи Ӯ на дар суханони исботкоронаи ҳикмати инсон, балки дар зуҳури рӯҳ ва қуввват буд*. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки *калом* гуфта он чи Павлус гуфта буд, дар назар дошта шудааст, *мавъиза* бошад – тарзи гуфтори вай, усули пешниҳод намудани мавод аст. Дигарон *каломро* чун шаҳодат ба шахсони алоҳида муайян мекунанд, *мавъизаро* бошад – чун муроҷиат ба гурӯҳи одамон. Мувофиқи меъёрҳои ин ҷаҳон, расул ҳеҷ гоҳ дар мусобиқаи нотиқӣ ғолиб намешуд. Бо вуҷуди ин, *Рӯҳи* Худо мавъизаи вайро ба кор бурд, то ки одамон гуноҳкор будани худро дарк кунанд ва ба Худо рӯ оваранд.

**2,5** Павлус медонист, ки то чӣ андоза хатарнок аст, агар шунавандагони вай на ба Худованди зинда, балки ба худи вай шавқ зоҳир кунанд. Нотавонии худро дар баракат додан ва наҷот додан дарк карда, вай қарор дод, то одамонро ба он ҳидоят намояд, ки онҳо на ба *ҳикмати инсон,* балки танҳо ба *Худо* боварӣ дошта бошанд. Ҳамаи онҳое ки Хушхабарро эълон менамоянд, бояд инро мақсади доимии худ қарор диҳанд.

**2,6** Пеш аз ҳама, ҳикмати Хушхабар аз рӯи асл илоҳист (о. 6.7). *Аммо дар бораи ҳикмат мо дар миёни комилон,* ё болиғон, *сухан меронем.* Аммо ин *ҳикмат на* аз *ин давра* аст, ва он дар назди *мирони ин давра* ҳикмат нест. Ҳикмати онҳо ба монанди худи онҳо фонист, он ба муддати як рӯзи кӯтоҳ тавлид меёбад.

**2,7** *Дар бораи ҳикмати Худо дар сирре сухан меронем.* Сирр ҳақиқати Аҳди Нав аст, ки пештар ниҳон буд, аммо акнун ба василаи расулҳо ва пайғамбарон дар ибтидои масеҳият зоҳир гаштааст. Ин сирр – *ҳикмати ниҳониест, ки Худо пеш аз давраҳои ҷаҳон барои ҷалоли мо муқаррар кардааст.* Сирри Хушхабар чунин ҳақиқатҳои ҳайратоварро дар бар мегирад, ки акнун яҳудиён ва ғайрияҳудиён як ҳастанд; ва Худованд Исо омада, ҳамаи онҳоеро, ки Ӯро интизоранд, бо Худ мебарад, то ки онҳо бо Ӯ бошанд; ва на ҳамаи масеҳиён мемиранд, аммо ҳама дигаргун мешаванд.

**2,8** *«Мирони ин давра»* метавонад ба мавҷудоти рӯҳии азозилӣ ё ба он одамоне дахл дошта бошад, ки хости онҳоро дар замин иҷро мекунанд. Онҳо ҳикмати ниҳонии Худоро (Масеҳро дар салиб) надонистанд ва нафаҳмиданд, ки қатли Писари қуддуси Худо боиси маҳв шудани худи онҳо мегардад. *Агар* онҳо роҳҳои Худоро *медонистанд, Худованди ҷалолро ба салиб намекашиданд.*

**2,9** Дар оятҳои 9-16 раванди ошкоршавӣ, илҳоми илоҳӣ ва маърифатнокӣ тасвир шудааст. Дар онҳо дар хусуси он гуфта мешавад, ки Рӯҳулқудс ин ҳақиқатҳои олидараҷаро ба расулон ошкор намуд, ва чӣ гуна онҳо, аз Рӯҳулқудс илҳом гирифта, дар навбати худ

онҳоро ба мо расонданд ва ҳангоме ки мо аз тарафи Рӯҳулқудс маърифатнок гардидаем, онҳоро мефаҳмем.

Иқтибоси дар ояти 9 аз Ишаъё 64,4 овардашуда пайғамбарӣ дар хусуси он аст, ки Худо ҳақиқатҳои ҳайратовареро пинҳон доштааст, ки онҳоро бо ҳиссиёти табиӣ дарк кардан имконнопазир аст, аммо Ӯ онҳоро дар вақти даркорӣ ба *дӯстдорони Худ* ошкор мекунад. Ин ҷо се асбоби дарки олам номбар шудаанд *(чашм, гӯш* ва *дил* ё ақл), аммо онҳо барои фаҳмидани ҳақиқатҳои илоҳӣ кофӣ нестанд, чунки барои ин Рӯҳи Худо даркор аст.

Ин оятро аксаран ба ҷалол дар осмонҳо мансуб медонанд, ва боре инро дар чунин тафсир қабул намуда, аз он даст кашидан ва нуқтаи назари дигарро қабул кардан душвор аст. Аммо дар асл Павлус ин ҷо дар хусуси он ҳақиқатҳое мегӯяд, ки бори аввал дар Аҳди Нав ошкор карда мешаванд. Одамон ҳеҷ гоҳ ба василаи тадқиқоти илмӣ ё ҷустуҷӯҳои фалсафӣ онҳоро дарёфта наметавонистанд. Ақли одамии худ ба худ вогузоршуда ҳеҷ гоҳ асрореро, ки дар ибтидои масеҳият маълум шуда буданд, ошкор намекард. Муҳокимаронихои инсонӣ барои кашфи ҳақиқати илоҳӣ тамоман қобил нестанд.

**2,10** Чунин изҳорот, ки *ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор* намуд, боз як бор исбот менамояд, ки ояти 9 ба осмон дахле надорад. Дигар хел карда гӯем, ҳақиқатҳои дар Аҳди Қадим пешгӯишуда ба расулон дар давраи Аҳди Нав ошкор гардида буданд. *«Ба мо»* ба одамоне дахл дорад, ки Аҳди Навро менавиштанд. Расулон ва пайғамбарон аз тарафи Рӯҳи Худо маърифатнок шуда буданд, чунки *Рӯҳ умқҳои Худоро тадқиқ мекунад.* Дигар хел карда гӯем, Рӯҳи Худо, яке аз Шахсиятҳои Ваҳдати Сегона, беандоза пурҳикмат аст, ҳамаи ҳақиқатҳои Худоро мефаҳмад ва онҳоро ба дигарон расонда метавонад.

**2,11** Ҳатто дар корҳои одамӣ ҳеҷ кас, ба ғайр аз худи *одам,* дар хусуси чӣ фикр кардани ӯро намедонад. То даме ки худи одам онро ошкор кардан нахоҳад, ҳеҷ кас инро дониста наметавонад. Ва ҳатто ҳамон вақт ҳам, фақат *рӯҳи инсонӣ* дошта, инсонро фаҳмидан мумкин аст. Ҳайвон фикрҳои моро пурра фаҳмида наметавонад. Бо Худо низ ҳамин тавр. Фақат *Рӯҳи Худо* он чиро, ки илоҳист, фаҳмида метавонад.

**2,12** «Мо» дар ояти 12 ба одамоне дахл дорад, ки Аҳди Навро навиштаанд, агарчи ин нисбати ҳамаи муаллифони Навиштаҳои Муқаддас дуруст аст. Азбаски расулон ва пайғамбарон Рӯҳулқудсро қабул карда буданд, Ӯ ба онҳо ҳақиқатҳои амиқи Худоро расонда метавонист. Расул ҳаминро дар назар дорад, ҳангоме ки дар ин оят мегӯяд: *«Лекин мо на рӯҳи ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост».* Бе *Рӯҳе ки аз Худост,* расулон ҳеҷ гоҳ ҳақиқатҳои рӯҳониро, ки Павлус мегӯяд ва онҳо барои мо дар Аҳди Нав боқӣ мондаанд, дониста наметавонистанд.

**2,13** Баъди тасвири раванди ошкоршавӣ, ки муаллифони Навиштаҳои Муқаддас ҳақиқатро ба василаи он аз Худо қабул кардаанд, Павлус ба тасвири раванди илҳоми илоҳӣ мегузарад, ки ҳақиқат ба шарофати он насиби мо гаштааст. Ояти 13 яке аз оятҳои қавитарини Каломи Худост, ки дар хусуси илҳоми илоҳии таҳтуллафзӣ мегӯяд. Расул Павлус равшан изҳор мекунад, ки расулон ҳақиқатҳоро ба мо расонда, на суханони мустақилона интихобкардаашонро, *на суханонеро* ба кор бурдаанд, ки *ҳикмати инсон* таълим додааст. Онҳо он суханонеро мегуфтанд, ки *Рӯҳулқудс* ба онҳо *таълим додааст.* Бинобар ин мо бовар мекунем, ки калимаҳои ҳақиқии Навиштаҳо дар дастнависҳои аслӣ – суханони Худо мебошанд (ва Навиштаҳои Муқаддас дар шакли ҳозираи худ пурра сазовори боварӣ мебошанд).

Ин ҷо садоҳои эътироз баланд мешаванд, чунки гуфтаҳои мо барои баъзе одамон маънои дикта кардани механикиро дорад, чунон ки агар Худо ба нависандагони Навиштаҳои Муқаддас имкони истифодаи услуби худашонро намедода бошад. Аммо мо медонем, ки масалан, услуби Павлус аз услуби Луқо хеле фарқ дорад. Пас чӣ гуна илҳоми таҳтуллафзиро бо услуби хоси нависандагон оштӣ бидиҳем? Бо тарзи барои мо номаълуме Худо маҳз ҳамин суханони Навиштаҳоро баён кард, аммо ба онҳо шакли услуби хоси нависандагони онро дода, ба шахсияти инсонӣ имкон дод, ки қисми Каломи комили Ӯ гардад.

*«Чизҳои рӯҳониро ба таври рӯҳонӣ баён мекунем»*-ро ҳар гуна фаҳмондан мумкин аст. Он метавонад чунин маъноҳо дошта бошад: 1) таълими ҳақиқатҳои рӯҳонӣ бо суханоне ки аз тарафи Рӯҳ дода шудаанд; 2) ба одамони рӯҳонӣ расондани ҳақиқатҳои рӯҳонӣ; 3)

муқоисаи ҳақиқатҳои рӯҳонии як қисми Навиштаҳои Муқаддас бо ҳақиқатҳои қисми дигари он.

Мо чунин меҳисобем, ки маънидоди якум беш аз ҳама ба матн мувофиқ аст. Павлус мегӯяд, ки илҳоми илоҳӣ расондани ҳақиқати илоҳиро бо суханоне дар бар мегирад, ки аз тарафи Рӯҳулқудс махсус барои ин интихоб карда шудаанд. Ҳамин тариқ, мо ин ибораро чунин баён карда метавонем: «ҳақиқатҳои рӯҳониро бо калимаҳои рӯҳонӣ баён мекунем».

Баъзан эътироз мекунанд, ки ин порча дар хусуси илҳом буда наметавонад, чунки Павлус на «мо менависем», балки «мо *мегӯем»* мегӯяд. Аммо бисёр вақт феъли «гуфтан» нисбати навиштаи илҳомёфта истифода мешавад (мас. Юҳ. 12,39.41; Аъм. 28,25; 2Пет. 1,21).

**2,14** Хушхабар на танҳо дар ошкоршавии худ Илоҳӣ ва дар илҳоми худ илоҳист. Акнун мо мефаҳмем, ки онро фақат бо қудрати *Рӯҳи Худо* қабул кардан мумкин аст. Бе ёрии беруна *одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ нодонӣ аст.* Вай ҳақиқатҳои илоҳиро фаҳмида наметавонад, *чунки* онҳоро танҳо ба таври *рӯҳонӣ* фаҳмидан мумкин аст.

Венс Ҳавнер маслиҳати ҷолибе медиҳад:

*Масеҳии хирадманд вақтро беҳуда сарф намекунад, то нақшаи Худоро ба шахси аз нав зоданашуда фаҳмонад; ин монанди ба гӯши хар танбӯр навохтан аст. Вай бо ҳамон гуна муваффақият метавонист кӯшиш кунад, то ғурубро ба нобино тасвир кунад ё масъалаҳои физикаи ҳастаиро бо муҷассамаи боғи шаҳр муҳокима кунад. Одами нафсонӣ инро қабул карда наметавонад. Бе ёрии Рӯҳулқудс бедор кардани фаҳмиши ваҳйи илоҳӣ монанди он аст, ки бо шасти моҳидорӣ нури офтобро доштанӣ шавем. То даме ки шахс аз Рӯҳ зода нашавад ва аз Ӯ таълим нагирад, ҳамаи ин ба вай комилан бегона аст! Агар ӯ унвони доктори илми фалсафа дошта бошад ҳам, ҳеҷ фоида надорад, зеро дар ин соҳа он маънои «доктори нодонӣ»-ро дошта метавонад.*[6]

**2,15** Аз дигар ҷиҳат, одаме ки аз тарафи Рӯҳулқудс маърифатнок шудааст, ин ҳақиқатҳои муъҷизаосоро дида метавонад, ҳатто агар беимонон наметавонанд *дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунанд.* Вай метавонад дуредгар, устои водопровод ё моҳигир бошад, аммо дар айни ҳол вай донишҷӯи лаёқатманд аст, ки Навиштаҳои Муқаддасро меомӯзад. «Масеҳие ки аз ҷониби Рӯҳулқудс назорат карда мешавад, Навиштаҳои Муқаддасро таҳқиқ мекунад, сарфаҳм меравад, бо ҷидду ҷаҳд меомӯзад ва ба қадр кардан ва фаҳмидани мазмуни он меояд».[7] Барои ҷаҳон вай муаммост. Шояд, вай ҳеҷ гоҳ дар донишкада ё омӯзишгоҳ таълим нагирифта буд, аммо ба ҳар ҳол метавонад ҳақиқатҳои амиқи Каломи Худоро дарк кунад ва, эҳтимол, ҳатто онҳоро ба дигарон таълим диҳад.

**2,16** Ин ҷо расул ҳамроҳи Ишаъё саволи риторикӣ медиҳад: *«Кист ки фикри Худовандро дониста бошад, то ки Ӯро таълим диҳад?»* Ин саволро додан – ба он ҷавоб додан аст. Худоро бо ҳикмат ё қувваи инсонӣ фаҳмидан имконнопазир аст. Ӯро фақат ҳамон вақт дарк кардан мумкин аст, ки Ӯ Худаш фаҳмидани Худро иҷозат диҳад. Аммо онҳое ки *фикри Масеҳро* доранд, ҳақиқатҳои амиқи Худоро фаҳмида метавонанд.

Боз як бор ёдрас мекунем: аввалан, ваҳй (ошкоршавӣ) вуҷуд дорад (о. 9-12). Ин маънои онро дорад, ки Худо ба василаи Рӯҳулқудс ба одамон ҳақиқатҳои то ин дам номаълумро ошкор намуд. Ин ҳақиқатҳоро ба таври фавқуттабиӣ Рӯҳулқудс зоҳир намуд.

Сониян, илҳоми илоҳӣ ҳаст (о. 13). Ин ҳақиқатҳоро ба дигарон расонда, расулҳо (ва ҳамаи муаллифони дигари Навиштаҳои Муқаддас) маҳз ҳамон суханонеро ба кор бурдаанд, ки Рӯҳулқудс ба онҳо омӯзондааст.

Ва ниҳоят, маърифатнокшавӣ ҳаст (о. 14-16). Ин ҳақиқатҳо бояд ба таври муъҷизавӣ зоҳир карда шаванд ва ба таври муъҷизавӣ ба воситаи илҳом ёфтан ба одамон дода шаванд. Аммо ин ҳамааш нест; онҳоро танҳо бо ёрии қувваи фавқуттабиии Рӯҳулқудс фаҳмидан мумкин аст.

**3,1** Ҳангоме ки Павлус бори аввал ба Қуринтус омад, вай ба масеҳиён одитарин «шири сухан»-ро медод, чунки онҳо дар имон суст ва ҷавон буданд. Таълиме ки ба онҳо дода мешуд, мувофиқи ҳолаташон буд. Онҳо таълимоти амиқи рӯҳониро қабул карда наметавонистанд, чунки ба наздикӣ масеҳӣ шуда буданд. Онҳо ҳанӯз *кӯдакон дар Масеҳ* буданд.

**3,2** Павлус ҳақиқатҳои одитаринро, ки *шир* меномад, дар хусуси Масеҳ ба онҳо

таълим дод. Онҳо ҳанӯз ноболиғ буданд ва бинобар ин *ғизои сахтро* қабул карда наметавонистанд. Худованд Исо низ ба шогирдонаш ҳамин тавр мегуфт: «Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо гӯям, лекин шумо ҳоло онҳоро наметавонед бардоред» (Юҳ. 16,12). Таассуфовар аст, ки қуринтиён ҳанӯз ба қадри кофӣ болиғ нашуда буданд, то аз расул ҳақиқатҳои амиқтарро қабул кунанд.

**3,3** Масеҳиён *ҳанӯз* дар ҳолати *ҷисмонӣ* буданд. Дар ин бора он факт шаҳодат медиҳад, ки дар байни онҳо *ҳасад ва баҳсу мунозира* буд. Ин гуна рафтор ба одамони ин ҷаҳон хос аст, аммо на барои онҳое ки аз ҷониби Рӯҳулқудс роҳнамоӣ карда мешаванд.

**3,4** Дар атрофи чунин шахсони бонуфуз, ба монанди *Павлус* ё *Апӯллӯс,* гурӯҳҳо ташкил намуда, онҳо рафтори тамоман одамиёна мекарданд. Павлус «... оё шумо ҷисмонӣ нестед?» гуфта, ҳаминро дар назар дорад.

То ҳол Павлус нишон медод, ки агар табиати ҳақиқии Хушхабар ба эътибор гирифта шавад, болобардор кардани одамон то чӣ андоза беақлона аст. Акнун вай ба мавзуи хизмати масеҳиёна рӯ меорад ва аз ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки болобардор кардани роҳбарони динӣ ва дар атрофи онҳо ташкил додани гурӯҳ аблаҳона аст.

**3,5** *Апӯллӯс* ва *Павлус ходимоне* буданд, ки қуринтиён *ба воситаи онҳо* ба Худованд Исо имон оварданд. Онҳо на роҳбарони мактабҳои рақобаткунанда, балки ҳамкор буданд. Дар ин маврид, хизматгоронро ба мартабаи хоҷагон бардошта, қуринтиён рафтори бехирадона мекарданд. Айэнсайд инро ба таври ҷолиб шарҳ медиҳад: «Ба худ хонадонеро тасаввур кунед, ки аз боиси хизматгорон ба ҳизбҳо тақсим шудааст!»

**3,6** Намунаеро аз соҳаи зироаткорӣ ба кор бурда, Павлус нишон медиҳад, ки дар ниҳояти кор доираи амалиёти хизматгор хеле маҳдуд аст. *Павлус* метавонист кишт кунад, *Апӯллӯс* об диҳад, аммо фақат *Худо* метавонист *сабзонад.* Ҳамин хел имрӯзҳо низ баъзе аз мо метавонанд суханро мавъиза кунанд, ҳама метавонанд барои наҷот ёфтани дӯстон ва хешовандон дуо кунанд, аммо кори ҳақиқии наҷотро фақат Худо ба ҷо меоварад.

**3,7** Агар аз ин нуқтаи назар нигоҳ кунем, пай бурдан осон аст, ки ҳам кишткунанда ва ҳам обдиҳанда дар асл он қадар муҳим нестанд. Дар худи онҳо қувваи ба вуҷуд овардани ҳаёт нест. Пас дар байни кормандони масеҳӣ ба ҳасад ва рақобат ҷой додан чӣ даркор аст? Ҳар яке бояд кори барояш супурдашударо иҷро намояд ва ҳангоме ки Худованд баракат медиҳад, хурсанд шавад.

**3,8** *Кишткунанда ва обдиҳанда баробаранд* ба он маъно, ки ҳар ду як мақсад доранд. Байни онҳо набояд рашк бошад. Ҳангоме ки сухан дар бораи хизмат меравад, онҳо дар як сатҳ ҳастанд. Дар рӯзи меомада ҳар *яке музди худро мувофиқи меҳнати худ мегирад.* Ин рӯз рӯзи Курсии Доварии Масеҳ аст.

**3,9** Ҳама дар назди Худо ҷавобгар ҳастанд. Хизматгорони Ӯ ҳамкоронанд, ки дар *киштзори* шудгоршудаи *Худо* якҷоя меҳнат мекунанд, ё, дигар хел карда гӯем, ҳамроҳ дар *иморати Худо* кор мекунанд. Эрдман ин фикрро чунин баён мекунад: *«Ҳамаи мо ҳамкоронем, ки ба Худо тааллуқ дошта, бо ҳам кор мекунем».*[8]

**3,10** Фикрро дар хусуси иморат давом дода, расул пеш аз ҳама иқрор мешавад, ки ҳамаи он чи вай ноил шуда тавонист, *аз рӯи файзи Худо* ба амал омадааст. Бо ин суханон лаёқати ба ҷо овардани хизмати расулона дар назар дошта шудааст, ки ба вай аз ҷониби Худо дода шудааст. Сипас вай иштироки худро дар ташкили ҷамоат дар Қуринтус тасвир мекунад: *«Ман, чун меъмори доно, таҳкурсӣ ниҳодам ...»* Вай ба Қуринтус бо мавъиза дар хусуси Масеҳи ба салиб кашидашуда омад. Ҷонҳо наҷот ёфтанд, ва ҷамоати маҳаллӣ ташкил ёфт. Сипас вай илова мекунад: *«... ва дигаре бар он иморат месозад».* Бо ин вай, бешубҳа, муаллимони дигарро дар назар дорад, ки баъди вай ба Қуринтус омада, бар болои таҳкурсии гузошташуда иморат мекарданд. Аммо расул огоҳӣ медиҳад: *«... лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад».* Вай дар назар дорад, ки адои хизмати муаллимӣ дар ҷамоати маҳаллӣ – масъулияти калон аст. Баъзеҳо ба Қуринтус таълимотеро оварданд, ки боиси ҷудоӣ шуданд, ва таълимотеро, ки ба Каломи Худо мухолифанд. Бешубҳа, ин суханонро навишта, Павлус дар хусуси ҳамин гуна муаллимон фикр мекард.

**3,11** Ба бино танҳо як таҳкурсӣ даркор аст. Як бор таҳкурсиро гузошта, дафъаи дигар ин корро кардан лозим нест. Расул Павлус таҳкурсии ҷамоати Қуринтусро гузошт.

Ин *таҳкурсӣ – Исои Масеҳ,* Шахсият ва кори Ӯст.

**3,12** Таълимоти баъдина барои ҷамоатҳои маҳаллӣ арзиши гуногун дошта метавонанд. Баъзеи онҳо арзиши нагузаранда доранд ва метавонанд ба *тилло, нуқра* ва ё *сангҳои қиматбаҳо* монанд карда шаванд. Ин ҷо сангҳои қиматбаҳо гуфта, аз афташ, на алмос, лаъл ё дигар сангҳои заргарӣ, балки санги хоро, мармар ва гаҷ дар назар дошта шудаанд, ки дар сохтмони парастишгоҳҳои қиматбаҳо истифода мешуданд. Аз тарафи дигар, арзиши баъзе таълимот барои баъзе ҷамоатҳо гузаранда ва ё ҳеҷ буда метавонист. Ин гуна таълимот бо *чӯб, хасбеда* ва *коҳ* монанд карда мешавад.

Ба маънои умумӣ ин ҷои Навиштаҳо бисёр вақт нисбати зиндагии ҳамаи масеҳиён ба кор бурда мешавад. Ҳақиқатан, ҳамаи мо ҳар рӯз месозем, аммо натиҷаи корамон дар он рӯз аён мешавад. Аммо одаме ки Навиштаҳои Муқаддасро бо диққат мехонад, пай мебарад, ки ин порча, аниқтараш, на ба ҳамаи масеҳиён, балки ба воизон ва муаллимон дахл дорад.

**3,13** Дар рӯзи меомада *кори ҳар кас аён мешавад. Рӯз* маънои Курсии Доварии Масеҳро дорад, ки дар он тамоми хизмат ба Худованд баҳо дода мешавад. Раванди баҳодиҳӣ ба амали *оташ* монанд карда мешавад. Хизмате ки ба Худо ҷалол ва ба одамон баракат овардааст, дар оташ намесӯзад, чунон ки тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо намесӯзанд. Баръакс, он хизмате ки дар байни фарзандони Худо боиси мушкилиҳо шуд ё онҳоро таълим дода наметавонист, туъмаи оташ хоҳад шуд. *Оташ кори ҳар касро озмоиш мекунад, ки он чӣ гуна аст.*

**3,14** Меҳнат дар Ҷамоат се навъ буда метавонад. Дар ояти 14 дар хусуси якумаш гуфта мешавад – хизмате ки нафъ овард. Дар ин ҳолат кори ҳаёти ходим дар назди Курсии Доварии Масеҳ *пойдор* мемонад, ва корманд *музд мегирад.*

**3,15** Навъи дуюми меҳнат – кори бефоида аст. Дар ин маврид ходим *зиён мебинад,* агарчи *худаш наҷот меёбад, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад.* Е. В. Роҷерс ишорат мекунад: *«Зиён маънои мусодираи чизеро надорад, ки боре дар моликият буд».*[9] Аз ин оят бояд аён бошад, ки дар доварии Масеҳ гуноҳкории масеҳӣ ва ҷазо барои он аз назар гузаронида намешавад. Барои гуноҳҳои имондор Худованд Исо дар салиби Ҷолҷолто ҷазо дид, ва ин кор як бор ва барои ҳамеша ҳал шуда буд. Бинобар ин дар назди Курсии Доварии Масеҳ на масъалаи наҷоти имондор, балки масъалаи хизмати вай таҳқиқ карда мешавад.

Наҷотро аз мукофот фарқ карда натавониста, ҷамоати румӣ-католикӣ ин оятро барои асоснок кардани таълимот дар хусуси аъроф истифода мебарад. Аммо омӯзиши дақиқи оят ягон ишораеро ба аъроф ошкор намекунад. Ин ҷо дар назар дошта нашудааст, ки оташ хислати одамро пок мекунад. Аниқтараш, оташ амал ё хизмати одамро меозмояд, ки он чӣ гуна аст. Одам наҷот меёбад, агарчи корҳои вайро оташ нобуд хоҳад кард.

Дар вобастагӣ бо ин оят фикри ҷолибе пайдо мешавад: Баъзан Каломи Худо ба оташ монанд карда мешавад (ниг. Иш. 5,24 ва Ирм. 23,29). Худи ҳамон Каломи Худо, ки хизмати моро дар назди Курсии Доварии Масеҳ меозмояд, ҳозир ба мо дастрас аст. Агар мо мувофиқи Навиштаҳои Муқаддас созем, кори мо дар рӯзи меомада аз санҷиш хоҳад гузашт.

**3,16** Павлус ба масеҳиён ёдрас мекунад, ки онҳо *ибодатхонаи* (юн. «қудси дохилӣ» ё «муқаддасгоҳ») *Худо* ҳастанд, ва *Рӯҳи Худо дар* онҳо *сокин аст.* Дуруст аст, ки ҳар як масеҳӣ ҳамчунин ибодатхонаи Худост, ки дар он Рӯҳулқудс сокин аст, аммо ин ҷо фикри дигаре пеш бурда мешавад. Расул ба Ҷамоат чун ба коллектив нигоҳ мекунад ва мехоҳад, ки мақоми муқаддаси ин гуна даъватро дарк намоянд.

**3,17** Навъи сеюми фаъолиятро дар ҷамоати маҳаллӣ вайронкунанда номидан мумкин аст. Аз афташ, ба ҷамоати Қуринтус муаллимони дурӯғин меомаданд, ки насиҳатҳои онҳо аз муқаддасӣ дида бештар ба гуноҳ моил буданд. Онҳо мушкилии ҷиддӣ намеҳисобиданд, ки ба ин восита дар парастишгоҳи Худо бетартибӣ ба амал меоварданд, ва Павлус ба онҳо бо огоҳкунии ҷиддӣ рӯ меоварад: *«Агар касе ибодатхонаи Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон мекунад».* Дар ҳолати додашуда ин маънои онро дорад, ки агар касе ба ҷамоати маҳаллӣ омада, ба шаҳодати он зарар расондан гирад, вайро *Худо хонавайрон мекунад.* Ин ҷо дар хусуси муаллимони дурӯғин гуфта мешавад, ки дар асл ба Худованд Исо имон надоранд. Ба ҷиддияти ин гуна гуноҳ суханони хотимавии ояти 17 ишорат мекунанд:

*«... зеро ки хонаи Худо муқаддас аст, ва он шумо ҳастед».*

**3,18** Дар хизмати масеҳиёна, чун умуман дар ҳаёти масеҳиёна, ҳамеша хатари худфиребӣ ҳаст. Эҳтимол, муаллимоне ки ба Қуринтус меомаданд, худро одамони ниҳоят хирадманд вонамуд мекарданд. Ҳар касе ки дар хусуси ҳикмати дунявии худ ақидаи баланд дорад, бояд фаҳмад, ки барои дар назари Худо ҳаким будан дар назари ҷаҳон нодон будан лозим аст.

Годет ин ҷойро хеле хуб аз нав баён кардааст:

*Агар касе – қуринтӣ ё каси дигар, – дар ҷамъомади мо Хушхабарро мавъиза карда, худро ҳаким ё мутафаккири нуктасанҷ вонамуд кунад, ба вай фаҳмонед, ки вай ҳикмати ҳақиқиро фақат ҳамон вақт ба даст меорад, ки дар ҳаёташ лаҳзаи дигаргунии қатъӣ фаро расад, ки он гоҳ ҳикмати худаш нопадид мешавад, ва танҳо баъди ин вай ҳикматро аз олами боло соҳиб мешавад.*[10]

**3,19** *Ҳикмати ин ҷаҳон пеши Худо нодонӣ аст.* Одам дар ҷустуҷӯҳои худ ҳеҷ гоҳ Худоро пайдо карда наметавонад, ва ҳикмати инсон ҳеҷ гоҳ чунин нақшаи наҷотро эҷод карда наметавонист, ки мувофиқи он Худо Одам шуда, барои гуноҳкорони айбдор, нафратовар ва исёнкор мемурда бошад. Айюб 5,13-ро иқтибос оварда, ояти 19 нишон медиҳад, ки Худо бар ҳикмати тахминшавандаи инсон ғолиб мешавад, то ба мақсадҳои Худ расад. Одам, бо ҳамаи ҳикматаш, наметавонад нақшаҳои Худоро вайрон кунад. Ба ҷои ин аксаран Худо ба одамон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ҳикмати *дунявии* худ онҳо хеле суст ва беқувватанд.

**3,20** Ояте ки ин ҷо аз Забур 93,11 оварда шудааст, таъкид мекунад, ки *Худованд* ҳамаи андешаҳои *ҳакимони* ин ҷаҳонро *медонад ва* ҳамчунин медонад, ки онҳо ҳеҷу пуч ва бесамаранд. Чаро Павлус ин қадар кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ҳикмати дунявиро фош кунад? Чунки он дар назди қуринтиён эътибори баланд дошт. Онҳо аз пайи он доҳиёне мерафтанд, ки, ба ақидаи онҳо, махсусан бо чунин хирадмандӣ фарқ мекарданд.

**3,21** Ҳамаи гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, бояд *ҳеҷ кас бо одамон фахр накунад.* Ҳангоме ки сухан дар бораи хизматгорони ҳақиқии Худо меравад, мо бояд на аз он фахр кунем, ки ба онҳо тааллуқ дорем, балки, аниқтараш, дарк намоем, ки онҳо ба мо тааллуқ доранд. *Ҳамааш аз они шумост.*

**3,22** Касе ин оятро «рӯйхати моликияти фарзанди Худо» номидааст. Кормандони масеҳӣ ба мо тааллуқ доранд – хоҳ муждабар Павлус бошад, хоҳ муаллим Апӯллӯс ё шубон Кифо. Азбаски ҳамаи онҳо ба мо тааллуқ доранд, аблаҳона аст, агар гӯем, ки ба яке аз онҳо тааллуқ дорем. Сипас, *ҷаҳон* ҳамчунин аз они мост. Чун шарикони мероси Масеҳ, замоне мо онро тасарруф хоҳем намуд, аммо он ҳозир ҳам аз рӯи ваъдаи Худо аз они мост. Онҳое ки ҷаҳонро идора мекунанд, дарк намекунанд, ки инро барои мо мекунанд. *Ҳаёт* аз они мост. Бо ин суханон мо на мавҷудияти одиро, балки ҳаётро ба маънои ҳақиқитарин ва пурратарин дар назар дорем. *Марг* ҳамчунин аз мост. Он дигар барои мо душмани даҳшатовар нест, ки ҷонро ба номаълумии торик меандозад; акнун он фиристодаи Худост, ки ҷонро ба осмон мебарад. *Ҳозира ва оянда – ҳамааш аз они шумост.* Дуруст гуфта шудааст, ки ҳама чиз дар хизмати он касест, ки ба Масеҳ хизмат мекунад. А. Т. Робертсон боре гуфтааст: *«Ситораҳое ки дар мадори худ ҳаракат мекунанд, – онҳо ҳам дар ҷониби шахсе мебошанд, ки дар наҷот додани ҷаҳон ҳамкори Масеҳ шудааст».*

**3,23** Ҳамаи масеҳиён ба Масеҳ тааллуқ доранд. Баъзе қуринтиён изҳор мекарданд, ки бар хилофи ҳамаи дигарон, танҳо онҳо ба Ӯ тааллуқ доранд. Онҳо «ҳизби Масеҳ»-ро ташкил медоданд. Аммо Павлус ин гуфтаҳоро рад мекунад. Ҳамаи мо *аз они Масеҳ* ҳастем, *ва Масеҳ аз они Худост.* Ҳамин тариқ, ба муқаддасон қадру қимати сазовори онҳоро нишон дода, Павлус мефаҳмонад, ки ташкил додани гурӯҳҳо ва ҷудоӣ андохтан дар ҷамоат то чӣ андоза аблаҳона аст.

**4,1** Павлус мегӯяд, ки барои ба вай ва расулони дигар дуруст баҳо додан муқаддасон бояд онҳоро *ходимон* ё ёрдамчиёни *Масеҳ ва вакилони сирҳои Худо* ҳисобанд. Вакил хизматгорест, ки ғамхориро дар хусуси касе ё дар хусуси моликияти вай ба уҳда мегирад. *Сирҳои Худо* – асрори то ҳол пӯшидае мебошанд, ки Худо дар давраи Аҳди Нав ба расулон ва пайғамбарон ошкор кард.

**4,2** Талаботи асосӣ ба *вакил – боваринок будани* ӯст. Одамон чолокӣ, хирадмандӣ, некӯаҳволӣ ва муваффақиятро қадр мекунанд;

аммо Худо касонеро меҷӯяд, ки дар ҳама чиз ба Масеҳ содиқ мемонанд.

**4,3** Он садоқатеро, ки аз вакил талаб карда мешавад, баҳо додани одамон душвор аст. Барои ҳамин ҳам Павлус ин ҷо мегӯяд, ки *барои* вай *кам аҳамият дорад,* ки қуринтиён ё одамони дигар *дар ҳаққи* вай *ҳукм мекунанд.* Павлус мефаҳмад, ки одам дар хусуси садоқати ҳақиқӣ ба Худо ҳукми боэътибор тартиб дода наметавонад. Вай илова мекунад: *«худи ман ҳам ҳукме дар ҳаққи худ намекунам».* Вай возеҳан мефаҳмад, ки аз рӯи зода шудан қисми оилаи инсонист ва ҳукмҳояш ҳамеша ба фоидаи худаш майл хоҳанд дошт.

**4,4** *«Ман дар худ айбе намебинам»* гуфта, расул онро дар назар дорад, ки дар мавриди хизмати масеҳиёна дар худ ҳеҷ гуна норостие намебинад. Вай тамоман дар назар надорад, ки дар ҳаёташ ҳеҷ гуноҳе ё ягон чизи аз камолот дурро намебинад! Ин суханонро дар матни умумӣ хондан лозим аст, ва ин ҷо мавзуи сухан – хизмати масеҳиёна ва садоқат дар он аст. Аммо ҳатто агар Павлус ҳақиқатан ҳам дар худ айберо намедид, *бо ин худро сафед* намекард. Вай барои дар ин кор баҳо додан салоҳият надорад. Дар ниҳояти кор, Довар Худованд аст.

**4,5** Бо назардошти ин, мо бояд дар баҳо додани хизмати масеҳиёна хеле боэҳтиёт бошем. Мо ба он моилем, ки чизи таъсирбахш ва ҳангоманокро болобардор намоем ва ба кори хоксоронае ки диққатро ҷалб намекунад, баҳои сазовор надиҳем. Тарзи рафтори бехато чунин аст: *ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз вақт ҳукм накунед,* балки сабр кунед, *то даме ки Худованд биёяд.* Ӯ на танҳо чизи намоёнро, балки ҳаракатҳои дилро – на танҳо амали иҷрошударо, балки барои чӣ он карда шудааст, баҳо дода метавонад. Ӯ *ниятҳои дилҳоро ошкор мекунад,* ва ёдрас намудан лозим нест, ки ҳар он чи барои нишон додан ва шуҳратманд кардани худ анҷом дода шудааст, лоиқи мукофот нахоҳад шуд.

Суханони *«ҳар кас аз ҷониби Худо таҳсин меёбад»*-ро набояд чун ваъдаи одие ҳисобем, ки ҳар масеҳиро дар он рӯз барои хизматаш таҳсин хоҳанд кард. Ин суханон маънои онро доранд, ки ҳар касе ки сазовори таҳсин аст, онро на аз одамон, балки *аз Худо* мегирад.

Дар ҳашт ояти оянда расул возеҳан ба он ишорат мекунад, ки сабаби ҷудоиҳои дар ҷамоати Қуринтус саршуда ғурур аст.

**4,6** Пеш аз ҳама, вай мефаҳмонад, ки дар хусуси хизмати масеҳиёна ва майли аз пайи роҳбарон рафтан (3,5-4,5) сухан ронда, вай худро ва Апӯллӯсро чун мисол зикр карда буд. Қуринтиён на танҳо дар атрофи Павлус ва Апӯллӯс, балки дар атрофи дигар одамони ҷамоати худ гурӯҳҳо ташкил мекарданд. Аммо аз боиси боилтифотӣ ва назокати масеҳиёна Павлус ҳамаи инро *ба худ ва ба Апӯллӯс нисбат дод,* то масеҳиён дар мисоли онҳо омӯзанд, ки дар хусуси роҳбарони худ ақидаи муболиғанок доштан ва дар атрофи онҳо ҷамъ омада, боиси мағрурии онҳо шудан нодуруст аст. Вай мехост, ки муқаддасон ҳама чиз ва ҳама касро аз рӯи Навишта баҳо диҳанд.

**4,7** Агар як муаллими масеҳӣ аз дигаре бештар лаёқатманд бошад, ин фақат аз он сабаб аст, ки Худо вайро ҳамин тавр кардааст. Ҳар он чи вай дорад, аз Парвардигор гирифтааст. Умуман ин ба ҳамаи мо дахл дорад: ҳар он чи мо дорем, Худо ба мо додааст. Агар чунин бошад, аз чӣ фахр кунем ва такаббур намоем? Мо тамоман на аз боиси уҳдабароии худ маҳоратҳо ва истеъдодҳо дорем.

**4,8** Қуринтиён мағрур шуданд; онҳо аллакай *сер* шуданд. Онҳо аз худ фахр мекарданд, чунки атоҳои рӯҳонии бисёре доштанд, онҳо аллакай *сарватдор* шуданд. Онҳо бокарруфар, бароҳат ва осудаҳолона зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба ҳеҷ чиз мухтоҷ набуданд. Онҳо чунон рафтор мекарданд, ки гӯё аллакай подшоҳӣ мекарда бошанд, аммо инро бе расулон мекарданд. Павлус мегӯяд, ки мехост вақти подшоҳӣ *аллакай* фаро расад, то вай ҳамроҳи онҳо *подшоҳӣ карда* тавонад! Аммо, чунон ки касе гуфтааст, «ҳаёт вақти тайёрӣ ба подшоҳӣ аст». Масеҳиён ҳамроҳи Исои Масеҳ подшоҳӣ хоҳанд кард, вақте ки Ӯ бармегардад ва Подшоҳии Худро дар замин барпо мекунад. Аммо ҳоло ба онҳо имтиёзи бо Наҷотдиҳандаи радшуда дар шармандагии Ӯ ҳамроҳ будан ато шудааст.

П. Баркер меогоҳонад:

*Ҳоло, ки Худованд ҳанӯз тоҷи Худро нагирифтааст, тоҷи худро ҷустан паймоншиканист. Бо вуҷуди ин, баъзе масеҳиён дар Қуринтус маҳз ҳамин корро мекарданд. Худи расулон хории Масеҳро дар худ доштанд. Аммо*

*масеҳиёни Қуринтус «сарватманд» ва «наҷиб» буданд. Онҳо ба вақтгузаронии хуш майл доштанд, дар ҳоле ки Худованди онҳо душворӣ мекашид.*[11]

Ҳангоми тоҷгузориҳо ашрофон то даме ки подшоҳашон тоҷгузорӣ карда нашавад, ҳеҷ гоҳ тоҷҳои худро ба сар намегузоштанд. Қуринтиён ин тартибро тағйир доданд; онҳо аллакай подшоҳӣ мекарданд, дар ҳоле ки Худованди онҳо ҳанӯз радшуда буд!

**4,9** Бар хилофи худписандии қуринтиён, Павлус насиби расулонро тасвир мекунад. Вай онҳоро ба саҳна назди ҳайвонҳои вахшӣ партофташуда тасвир мекунад, дар ҳоле ки *фариштаҳо ва одамон* ба онҳо менигаранд. Чунон ки Годет гуфтааст, «барои худписандӣ ва худситоии қуринтиён вақти номувофиқе буд, дар ҳоле ки Ҷамоат дар тахт буд, расулҳо дар зери шамшер буданд».

**4,10** Ҳангоме ки ба расулҳо чун ба *нодонҳо ба хотири Масеҳ* менигаристанд, имондорон дар ҷамъият чун масеҳиёни *ҳаким* маълум буданд. Расулҳо *нотавон* буданд, аммо қуринтиён аз нотавонӣ азият намекашиданд. Мартабаи баланди онҳо бо беобрӯии расулҳо тазоди сахт дошт.

**4,11** Расулҳо чунин намеҳисобиданд, ки аллакай вақти тантана ё подшоҳӣ фаро расидааст. Онҳо аз *гуруснагӣ* ва *ташнагӣ, бараҳнагӣ* ва таъқибот азият мекашиданд. Онҳоро шикор мекарданд, таъқиб менамуданд, онҳо бехона ва *сарсону саргардон* буданд.

**4,12** Онҳо *бо дастони худ кор карда,* воситаи рӯзгузаронӣ дарёфт мекарданд. Онҳо ба таҳқирҳо бо баракатдиҳӣ ҷавоб медоданд. Ҳангоме ки ба онҳо *зулм* мекарданд, онҳо муқобилат намекарданд, балки ҳамаашро пурсаброна таҳаммул менамуданд.

**4,13** Ҳангоме ки ба онҳо *буҳтон* мезаданд, онҳо аз одамон илтиҷо мекарданд, ки Худованд Масеҳро қабул кунанд. Хулоса, онҳо *чун хасрӯбаи ҷаҳон,* чун *ахлоти ҳама* шуда буданд. Ин тасвири уқубатҳо ба хотири Масеҳ бояд ба дили мо таъсир кунад. Агар расул Павлус имрӯзҳо мезист, вай ба мо ҳамон чизро мегуфт, ки ба қуринтиён гуфта буд: «Шумо бе мо подшоҳӣ мекунед?»

**4,14** Дар оятҳои 14-21 Павлус бори охир онҳоро дар хусуси ҷудоиҳояшон насиҳат медиҳад. Бо истеҳзо сухан ронданашро дарк намуда, вай мефаҳмонад, ки инро *на барои он* кардааст, ки онҳоро *хиҷил* кунад, балки аниқтараш барои он ки *чун фарзандони азизи худ насиҳат диҳад.* На ҳисси дарду алам, балки ҳавасмандии самимӣ дар хусуси некӯаҳволии рӯҳонии онҳо вайро водор намуд чунин сухан гӯяд.

**4,15** Расул ба онҳо ёдрас мекунад, ки *агарчи* онҳо *ҳазорон* насиҳатгарон *дар Масеҳ* доранд, аммо падар дар имон танҳо яктост. Павлус худаш онҳоро ба назди Худованд овард; вай падари рӯҳонии онҳо буд. Бисёриҳо метавонистанд омада, онҳоро таълим диҳанд, аммо ҳеҷ каси дигар наметавонист чун оне ки ба онҳо дар хусуси Барра шаҳодат дода буд, барояшон чунин ғамхории навозишкорона зоҳир намояд. Павлус аҳамияти хизмати муаллимиро кам карданӣ нест, вай фақат ҳақиқати ба ҳамаи мо маълумро тасдиқ мекунад: бисёриҳо метавонанд хизмати масеҳиёнаро бе ҳавасмандии шахсӣ дар хусуси муқаддасон кунанд; ҳавасмандии шахсӣ хоси шахсонест, ки ба муқаддасон дар хусуси Масеҳ шаҳодат дода буданд.

**4,16** Бинобар ин Павлус онҳоро бовар мекунонад, ки ба садоқати фидокоронаи вай ба Масеҳ, ба ғамхории хастанашавандаи вай дар хусуси бародарони масеҳӣ – ба он чи вай дар оятҳои 9-13 тасвир кардааст, – *тақлид намоянд.*

**4,17** Барои расидан ба ин мақсад ёрӣ расонданӣ шуда, Павлус ба назди онҳо *Тимотиюсро, фарзанди азиз ва боваринкоки худро дар Худованд фиристод.* Ба Тимотиюс вогузор шуда буд, ки *роҳҳои* Павлусро *дар Исои Масеҳ ба ёди онҳо оварад,* роҳҳоеро, ки вай дар ҳамаи ҷамоатҳо таълим медод. Павлус мегӯяд, ки вай ҳамон тавре рафтор мекард, ки мавъиза мекард, ва ҳар касе ки дар хизмати масеҳиёна иштирок мекунад, бояд чунин бошад.

**4,18** Ҳангоме Павлус мефаҳмонд, ки Тимотиюсро ба назди онҳо мефиристад, баъзе туҳматгарон дар Қуринтус метавонистанд зуд тахмине пеш оваранд, гӯё Павлус метарсад худаш биёяд. Ин одамон *мағрур* шудаанд, ба гумони ин ки худи Павлус *намеояд.*

**4,19** *Аммо* вай ваъда медиҳад, ки дарояндаи наздик *меояд, агар Худованд хоҳад.* Ҳангоме ки вай меояд, зуд ғурури он касонеро, ки ин гуна озод сухан меронанд, аммо *қуввати* рӯҳонӣ надоранд, фош хоҳад кард.

**4,20** Дар ниҳояти кор *қувват* аҳамият дорад, *зеро* дар *Подшоҳии Худо* на суханон, балки корҳо аҳамият доранд. Он на аз изҳорот, балки аз воқеият иборат аст.

**4,21** Ба худи онҳо вобаста аст, ки Павлус чӣ гуна назди онҳо меояд. Агар онҳо рӯҳи исёнкориро зоҳир намоянд, вай назди онҳо бо калтак меояд. Аммо агар онҳо хоксор ва итоаткор бошанд, вай *бо муҳаббат ва рӯҳи мулоимат* меояд.

### Б. Бадахлоқӣ дар байни масеҳиён (Б. 5)

Дар боби 5 дар хусуси зарурати интизоми ҷамоатӣ гуфта мешавад, агар яке аз аъзоёни ҷамоат гуноҳи ҷиддие содир карда бошад, ки ба ҷамъият маълум шудааст. Интизом дар ҷамоат даркор аст, то муқаддасии он дар назари ҷаҳон нигоҳ дошта шавад ва низ барои он даркор аст, ки Рӯҳулқудс хомӯш нашуда, бар болои он кор кунад.

**5,1** Аз афташ, *овозае* паҳн шуда буд, ки яке аз мардони ҷамоати Қуринтус *фосиқӣ* кардааст. Ин гуноҳи махсусе буд, ки *ҳатто бутпарастони* бехудо онро содир намекарданд. Ба таври мушаххас гуноҳ аз он иборат буд, ки ин шахс бо *зани падари худ* ғайриқонунӣ ишқварзӣ мекард. Модари ҳақиқии ин шахс, бешубҳа, мурда буд, ва падараш бори дуюм зан гирифта буд. Дар ин ҷо зани падар гуфта, модарандар дар назар дошта шудааст. Азбаски дар хусуси чораҳое ки бояд нисбати зан қабул карда шаванд, чизе гуфта нашудааст, метавонем хулоса барорем, ки вай беимон буд. Ҳукми Ҷамоат ба вай паҳн намешуд.

**5,2** Масеҳиёни Қуринтус ба ин чӣ аксуламале нишон доданд? Ба ҷои он ки сахт андӯҳгин бошанд, онҳо мағрур ва ҳавобаланд буданд. Шояд гуноҳкорро ба ҷазо накашида, онҳо аз ботаҳаммул будани худ фахр мекарданд. Ё шояд, онҳо аз фаровонии атоҳои рӯҳонӣ дар ҷамоат чунон мағрур шуда буданд, ки ба ҳодисаи рухдода диққати ҷиддӣ надоданд. Ё ин ки барои онҳо миқдори аъзоёни ҷамоат аз покӣ афзалтар буд. Гуноҳ онҳоро хиҷил намекард.

*Ва шумо ҳавобаланд шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад.* Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки агар масеҳиён дар ин маврид фурӯтании муносиброро дар назди Худованд зоҳир мекарданд, Ӯ Худаш гуноҳкорро як навъе ҷазо дода, корро ҳал мекард.

Эрдман мегӯяд:

*Онҳо бояд мефаҳмиданд, ки ҷалоли ҳақиқии Ҷамоати масеҳӣ на дар хушсуханӣ ва атоҳои муаллимони бузурги он, балки дар покии ахлоқ ва ҳаёти намунавии аъзоёни он аст.*[12]

**5,3** Ба бепарвоии онҳо расул муносибати худро муқобил мегузорад ва изҳор мекунад, ки агарчи *ғоиб* аст, лекин бо вуҷуди он, гӯё ки назди онҳо бошад, дар хусуси ин кор *аллакай ҳукм* кардааст.

**5,4** Вай Ҷамоатеро намояндагӣ мекунад, ки барои ба ҷавобгарӣ кашидани гуноҳкор ҷамъ омадааст. Агарчи вай ҷисман ҳузур надорад, лекин, ҳангоме ки онҳо *ба номи Худованди мо Исои Масеҳ ҷамъ* мешаванд, *рӯҳан* ҳамроҳи онҳост. Худованд Исо ба Ҷамоат ва расулон қудрат додааст, ки дар ин маврид ҳо ҷазоро ба кор баранд. Бинобар ин Павлус бо *қуввати* (ё бо эътибори) Худованд Исои Масеҳ амал мекард.

**5,5** Вай чӣ карда метавонист? Ин гуна *шахс барои ҳалокати ҷисм ба шайтон супурда шавад, то рӯҳ дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад.* Тафсирдиҳандагон дар хусуси маънои ин ҷумла ихтилофи ақида доранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки он аз ҷамоати маҳаллӣ дур карданро тасвир мекунад. Берун аз Ҷамоат – соҳаи ҳукмронии шайтон аст (1Юҳ. 5,19). Бинобар ин *«ба шайтон супурда шавад»* маънои аз Ҷамоат дур карданро дорад. Дигарон ақида доранд, ки ба расулон қудрати махсуси ба шайтон супурдан дода шуда буд, аммо имрӯз масеҳиён ин гуна қудрат надоранд.

Ҳамчунин дар хусуси маънои ибораи *«ҳалокати ҷисм»* ихтилофи ақидаҳо ҳаст. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки он азобҳои ҷисмониро ифода мекунад, ки Худо мефиристад, то дар ҳаёти кас қудрати ҳавасҳо ва одатҳои гуноҳолудро вайрон кунад. Дигарон чунин ақида доранд, ки *«ҳалокати ҷисм»* марги тадриҷист, ки ба одам имкон медиҳад, то тавба кунад ва халосӣ ёбад.

Дар ҳар ҳол мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ҷазо додани масеҳиён ҳамеша бояд ба барқароршавии мушоракати онҳо бо Худо мусоидат кунад. Дур кардан аз ҷамоат худ аз худ ҳеҷ гоҳ охир нест, аммо ҳамеша воситаи наздикшавии охир аст. Мақсади ниҳоии он ҳамин

аст, ки *«рӯҳ дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад»*. Дигар хел карда гӯем, ин ҷо фикре дар хусуси лаънати ҷовидонии одам нест. Парвардигор ӯро дар ин зиндагӣ барои гуноҳи содиркардааш ҷазо медиҳад, аммо вай *дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот* меёбад.

**5,6** Ҳозир Павлус қуринтиёнро барои он мазаммат мекунад, ки онҳо *фахр* мекунанд, ё худситоӣ мекунанд. Шояд, онҳо худро сафед карда мегуфтанд, ки ин фақат як бор шуда буд. Онҳо бояд медонистанд, ки *андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад. Хамиртуруш* ин ҷо рамзи гуноҳи ахлоқист. Расул мегӯяд, ки агар онҳо нисбати гуноҳи хурде дар ҷамоат беparво бошанд, он ба зудӣ чунон паҳн хоҳад шуд, ки ба тамоми ҷамоат таъсири ҷиддӣ хоҳад расонд. Интизоми одилона, тақводорона барои он даркор аст, ки сифатҳои хоси Ҷамоат нигоҳ дошта шаванд.

**5,7** Бинобар ин онҳо бояд *худро аз хамиртуруши кӯҳна тоза кунанд*. Дигар хел карда гӯем, онҳо бояд бар зидди бадӣ чораҳои сахт бинанд, то ки *хамири нав* буда тавонанд – ба маънои покӣ. Сипас Павлус илова мекунад: *«... чунки шумо бе хамиртуруш ҳастед»*. Дар Масеҳ Худо онҳоро пок, росткор ва беайб мебинад. Ин ҷо расул мегӯяд, ки ҳолати онҳо бояд ба мавқеи онҳо мувофиқат кунад. Аз рӯи мавқеи худ онҳо бе хамиртуруш ҳастанд. Акнун онҳо бояд дар корҳои худ низ бе хамиртуруш шаванд. Моҳияти онҳо бояд ба номашон мувофиқат кунад, ва рафторашон – ба имонашон.

*Зеро ки Песаҳи мо, Масеҳ, барои мо кушта шудааст.* Дар хусуси нони бе хамиртуруш фикр карда, Павлус фикран ба иди Песаҳ бармегардад. Дар арафаи рӯзи аввали Песаҳ яҳудӣ мебоист тамоми хамиртурушро аз хона дур мекард. Вай тағораи хамирро тоза мекард. Вай он ҷоеро, ки хамиртуруш нигоҳ дошта мешуд, то даме тоза мекард, ки аз он нишоне намонад. Вай чароғро гирифта, хонаро аз назар мегузаронд, то боварӣ ҳосил кунад, ки чизе аз мадди назараш дур намондааст. Сипас вай дастонашро сӯи Худо бардошта, чунин мегуфт: «Худоё, ман тамоми хамиртурушро аз хонаам дур кардам, ва агар хамиртуруше ҳаст, ки ман дар бораи он намедонам, ман аз таҳти дил онро низ мепартоям». Ин рамзи аз гуноҳ ҷудо шудани вай буд, ки имрӯзҳо масеҳӣ ба он даъват шудааст.

Куштани барраи Песаҳ рамз, ё тимсоли марги Худованди мо Исои Масеҳ дар салиб буд. Ин оят яке аз оятҳои зиёде дар Аҳди Нав аст, ки принсипҳои усули рамзии омӯзиши Навиштаҳои Муқаддасро муайян мекунанд. Бо ин мо дар назар дорем, ки шахсиятҳо ва ҳодисаҳо дар Аҳди Қадим тимсолҳо ё сояҳои оянда буданд. Бисёрии онҳо омадани Худованд Исоро, ки барои гирифтани гуноҳҳои мо Худро қурбон мекунад, рӯйрост пешгӯӣ мекарданд.

**5,8** Ин ҷо «ид» на ба Песаҳ ё Шоми Худованд дахл дорад, балки, аниқтараш, ба маънои умумӣ истифода мешавад ва тамоми ҳаёти масеҳиро тасвир мекунад. Тамоми ҳаёти мо бояд иди хурсандӣ бошад, ва он бояд на бо *хамиртуруши кӯҳнаи* гуноҳ ва на бо *хамиртуруши кина ва бадӣ* ба ҷо оварда шавад. Дар Масеҳ шодӣ карда, мо набояд дар дил нисбати дигарон кина дошта бошем. Аз ин ҷо мо мебинем, ки расул Павлус дар хусуси *хамиртуруш* на ба маънои таҳтуллафзӣ – на дар хусуси он чи барои пухтани нон даркор аст, – балки ба маънои рӯҳонӣ мегуфт, ва онро тасвир мекард, ки гуноҳ ба ҳар чизе ки расад, онро нопок мекунад. Мо бояд ҳаёти худро *бо фатири покӣ ва ростӣ* гузаронем.

**5,9** Ҳозир Павлус онро мефаҳмонад, ки пештар ба онҳо навишта буд, – *бо фосиқон рафтуомад накардан.* Он факт, ки ин мактуб гум шуда буд, ба илҳоми илоҳии Навиштаҳои Муқаддас таъсир намерасонад. На ҳамаи номаҳои навиштаи Павлус илҳоми илоҳӣ доштанд, балки фақат ҳамонҳое ки Худо лоиқ донист, то ба Навиштаҳои Муқаддас дохил карда шаванд.

**5,10** Ин ҷо расул фаҳмондани суханони худро дар хусуси зарурати рафтуомад накардан бо *фосиқон* давом медиҳад. Инро гуфта, вай дар назар надошт, ки онҳо бояд аз ҳама гуна алоқа бо одамони нопорсо канорагирӣ кунанд. Дар ҷаҳон буда, мо маҷбурем бо одамони наҷотнаёфта сарукор дошта бошем, ва мо дониста наметавонем, ки онҳо то кадом дараҷаи гуноҳ афтодаанд. Барои дар ҷудоии комил аз гуноҳкорон зистан мо *бояд аз ҷаҳон берун* мешудем.

Бинобар ин Павлус таъкид мекунад, ки ҷудоии пурраро аз *фосиқони ин ҷаҳон,* аз *тамаъкорон, ғоратгарон ва бутпарастон* дар назар надошт. *Тамаъкор* касест, ки дар кори худ

ва ё дар корҳои молиявӣ беинсоф аст. Масалан, ҳар касе ки дар найрангҳои андозсупорӣ айбдор аст, бояд барои ҳаромризкӣ дур карда шавад. *Ғоратгарон* касоне мебошанд, ки барои сарватманд шудан ба зӯроварӣ даст мезананд, ва таҳдиди зарар расондан ё аз ҳаёт маҳрум намуданро мекунанд. *Бутпараст* – касест, ки на ба Худо, балки ягон чизе ё касеро парастиш мекунад, ва касест, ки гуноҳҳои даҳшатноки бадахлоқона содир мекунад, ки қариб ҳамеша бо бутпарастӣ алоқаманданд.

**5,11** Павлус онҳоро аз алоқа бо *бародаре* огоҳонидан мехоҳад, ки худро масеҳӣ меномад ва дар айни замон яке аз ин гуноҳҳои даҳшатнокро содир мекунад. Суханони вайро ба таври зерин баён кардан мумкин аст:

*«Ман ба шумо гуфта будам ва боз мегӯям: шумо бо касе ки худро масеҳӣ номида, зинокор, ё тамаъкор, ё бутпараст, ё бадзабон, ё бадмаст, ё ғоратгар аст, набояд ҳатто хӯрок хӯред».*

Бисёр вақт ба мо лозим меояд, ки бо беимонон сарукор дошта бошем, ва аксаран мо метавонем ин алоқаҳоро барои ба онҳо шаҳодат додан истифода барем. Ин алоқаҳо ба масеҳӣ на ба он андозае зарар меоваранд, чунон ки алоқа бо шахсоне ки пайрави масеҳият мебошанд, аммо дар гуноҳ зиндагӣ мекунанд. Мо набояд ба чизе роҳ диҳем, ки чунин шахс чун тағофул ба гуноҳаш ҳисобида тавонад.

Ба рӯйхати гуноҳкорон, ки дар ояти 10 оварда шудааст, Павлус дар ояти оянда бадзабонон ва бадмастонро илова мекунад. *Бадзабон* касест, ки нисбати каси дигар суханони ҳақоратомез ва дағалро ба кор мебарад. Аммо мо ин ҷо огоҳониданро илова карданӣ ҳастем. Оё шахсеро, ки асабӣ шуда, суханони беандеша гуфтааст, аз Ҷамоат дур кардан лозим аст? Мо ақида дорем, ки не, чунки фикр мекунем, ки суханони Павлус ба одати ҳамешагӣ дахл доранд. Дигар хел карда гӯем, касеро *бадзабон* номидан мумкин аст, ки доимо дигаронро таҳқир мекунад. Дар ҳама ҳолат, ин бояд барои мо чун огоҳонидан хизмат кунад: забони худро назорат кардан лозим аст. Чунон ки доктор Айэнсайд гуфтааст, бисёриҳо мегӯянд, ки онҳо дар гуфтор беэҳтиётанду бас, аммо, мегӯяд вай, онҳо гуфта метавонистанд, ки бо милтиқ беэҳтиётанд.

*Бадмаст* – касест, ки нӯшокиҳои масткунандаро бисёр истеъмол мекунад.

Оё дар ҳақиқат расул Павлус дар назар дорад, ки бо масеҳие ки ин корҳоро мекунад, мо бояд *якҷоя хӯрок ҳам нахӯрем?* Оят маҳз ҳаминро таълим медиҳад! Мо бояд бо вай на дар Шоми Худованд, на дар хӯрокхӯрии маъмулӣ якҷоя хӯрок нахӯрем. Ин ҷо истисноҳо буда метавонанд. Масалан, зан-масеҳӣ бояд бо шавҳари худ, ки аз ҷамоат дур карда шудааст, якҷоя хӯрок хӯрад. Аммо қоидаи умумӣ чунин аст: нисбати масеҳиёне ки дар чунин гуноҳҳо айбдоранд, бояд бадарғакунии ҷамъиятӣ ба кор бурда шавад, то ки андозаи қабоҳати гуноҳашонро фаҳманд, ва тавба кунанд. Агар ба мо эътироз кунанд, ки Худованд бо зинокорон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрд, мо бояд гӯем, ки ин одамон худро пайравони Ӯ эълон накарда буданд ва, ҳамроҳи онҳо хӯрок хӯрда, Ӯ онҳоро шогирдони Худ намеҳисобид. Ин порча таълим медиҳад, ки мо набояд бо масеҳиёне ки бадахлоқона умр ба сар мебаранд, муносибат дошта бошем.

**5,12** Ду саволе ки Павлус дар ояти 12 додааст, маънои онро доранд, ки ба масеҳӣ уҳдадории доварӣ кардани беимонон вогузор нашудааст. Гуноҳкорони ҷаҳони атрофи мо дар рӯзи меомада ба доварии Худи Худованд дучор хоҳанд шуд. Аммо мо уҳдадорем *онҳоеро, ки дар дохил* – дар Ҷамоат мебошанд, доварӣ кунем. Ҷамоати маҳаллӣ вазифадор аст, ки интизоми тақводоронаро ба амал оварад.

Боз ҳам ба мо эътироз карда метавонанд, ки Худованд чунин таълим медод: «Ҳукм накунед, то худ ҳукм карда нашавед». Мо чунин ҷавоб медиҳем, ки ин ҷо Ӯ дар хусуси сабабҳои водоркунандаи рафтори мо сухан меронд. Мо набояд дар хусуси сабабҳои водоркунандаи рафтори одам ҳукм кунем, чунки барои чунин муҳокимаронихо салоҳият надорем. Аммо Каломи Худо комилан равшан мегӯяд, ки мо бояд гуноҳи дар ҷамъомади Худо маълумшударо доварӣ кунем, то ки эътибори муқаддасиро нигоҳ дорем ва бародари гуноҳкардаро дар мушоракат бо Худованд барқарор кунем.

**5,13** Павлус мефаҳмонад, ки *Худо* доварии *онҳоеро, ки дар берунанд,* яъне беимононро, ба уҳдаи Худ мегирад. Дар айни ҳол, қуринтиён бояд довариеро, ки Худо ба онҳо вогузор кардааст, амалӣ кунанд, яъне *фосиқро* аз миёни худ дур кунанд. Ба ҳамаи аҳли ҷамоат эълон кардан лозим аст, ки ин бародар дигар ба ҷамоат тааллуқ надорад. Эълон бояд

бо андӯҳ ва фурӯтании самимӣ ба ҷо оварда шавад, ва сипас бояд дар хусуси барқарории рӯҳонии шахси роҳгумшуда доимо дуоҳо гуфта шаванд.

### В. Мурофиаҳо дар байни масеҳиён (6,1-11)

Ёздаҳ ояти аввали боби 6 дар хусуси мурофиаҳо дар байни масеҳиён мегӯянд. Ба Павлус хабар расид, ки баъзе масеҳиён ба доварони ин ҷаҳон мурочиат карда, бародарони худ масеҳиёнро ба мурофиа кашиданӣ буданд. Бинобар ин вай насиҳатҳоеро медиҳад, ки барои Ҷамоат арзиши ҳамешагӣ доранд. Ба такрори суханони «Магар намедонед?» (оятҳои 2,3,9, 15,16,19) аҳамият диҳед.

**6,1** Саволи якум изтироб ва ҳайратро ифода мекунад, ки касе аз масеҳиён фикреро роҳ додааст, то бародари худро ба доварии *гуноҳкорон,* яъне доварон ё масъулони беимон, ҷалб намояд. Павлус чунин мешуморад, ки касоне ки адолати ҳақиқиро медонанд, мурофиаи худро ба назди одамони беадолат бурда, рафтори бемантиқ мекунанд. Ба худ масеҳиёнеро тасаввур кунед, ки адолатро дар касоне меҷӯянд, ки ҳеҷ чиз дода наметавонанд!

**6,2** Дигар зуҳуроти бемантиқӣ, ки ба назар мерасад – он аст, ки шахсоне ки замоне *ҷаҳонро доварӣ хоҳанд кард,* наметавонанд корҳои камаҳамиятро байни худ ҳал кунанд. Навишта таълим медиҳад, ки ҳангоме Масеҳ дар қувват ва ҷалол бармегардад, масеҳиён ҳамроҳи Ӯ бар замин подшоҳӣ хоҳанд кард, ва корҳое ки ба доварӣ оид ҳастанд, ба онҳо дода хоҳанд шуд. Агар масеҳиён *ҷаҳонро доварӣ* мекарда бошанд, магар мухолифатҳои ночизи худро, ки ҳозир байни онҳо зоҳир мешаванд, ҳал карда наметавонанд?

**6,3** Павлус ба Қуринтиён ёдрас мекунад, ки онҳо *фариштагонро доварӣ* хоҳанд *кард.* Ҳайратовар аст, ки расул ин тасдиқоти муҳимро ба матн чӣ хел дохил мекунад. Бе ҳеҷ гуна дабдаба ва суханпардозӣ вай он факти ҳаяҷонбахшро баён мекунад, ки масеҳиён замоне *фариштагонро доварӣ хоҳанд кард.* Мо аз Номаи Яҳудо 6, ва аз Номаи дуюми Петрус 2,4.9 медонем, ки фариштагон доварӣ карда мешаванд. Мо ҳамчунин медонем, ки онҳоро Масеҳ доварӣ хоҳад кард (Юҳ. 5,22). Дар хусуси мо гуфтан мумкин аст, ки дар рӯзи меомада мо фариштагонро ба шарофати он доварӣ мекунем, ки бо Масеҳ дар иттиҳод ҳастем. Агар мо барои доварӣ кардани фариштагон ба қадри кофӣ босалоҳият бошем, пас бояд ба ҳал кардани масъалаҳои ҳаррӯзаи *зиндагӣ* тавон дошта бошем.

**6,4** *Лекин шумо, вақте ки оид ба ин зиндагӣ мурофиа доред, онҳоеро, ки дар ҷамоат эътиборе надоранд, ба доварӣ мешинонед.* (Дар бисёр тарҷумаҳо ин ҷумла хабарӣ аст, аммо онро чун савол фаҳмидан беҳтар аст. Павлус мепурсад, ки оё масеҳиён мухолифатҳои худро ба доварии ҷаҳониён мебароранд.) Ҷамоати маҳаллӣ набояд доварони беимонро баланд қадр кунад ва ба онҳо ҷойҳои фахриро диҳад. Албатта, онҳоро барои он коре ки дар ҷаҳон мекунанд, эҳтиром менамоянд, аммо корҳое ки ба ҷамоат дахл доранд, аз доираи салоҳияти онҳо берунанд. Ҳамин тариқ, Павлус аз қуринтиён мепурсад:

*«Ҳангоме байни шумо мунозираҳое пайдо мешаванд, ки доварии холисонаи тарафи сеюмро металабанд, оё шумо аз Ҷамоат меравед, оё худро ба доварии одамоне медиҳед, ки Ҷамоат дар онҳо нуктасанҷии рӯҳониро намебинад?»*

**6,5** Павлус инро мегӯяд, то онҳоро ба *шарм доштан* водор намояд. Наход рост аст, ки дар ҷамоате ки бо ҳикмат ва фаровонии атоҳои рӯҳонии аъзоёни худ фахр мекард, *як бохирад ҳам нест,* ки ҷанҷолҳоро *дар миёни бародарони худ* ҳал карда тавонад?

**6,6** Аз афташ, ягон бохираде ёфт нашуд, зеро *бародари* масеҳӣ бо *бародари* худ дар Масеҳ *мурофиа* карданӣ шуда, корҳои гӯё оилавиро ба доварии ҷаҳони беимон баровардан мехост. Ҳақиқатан вазъияти носазовор!

**6,7** Ҷумлаи *«худи ҳамин ҳам барои шумо айб аст»* нишон медиҳад, ки дар ҳолати додашуда онҳо тамоман ноҳақ буданд. Онҳо набояд ҳатто фикреро роҳ диҳанд, ки ҳамдигарро дар мурофиа таъқиб намоянд. Аммо, шояд, яке аз масеҳиён ин ҷо метавонист эътироз намояд: «Павлус, ту намефаҳмӣ, фалон бародар маро дар муомилаи харидуфурӯш фиреб дод». Павлус ҷавоб медиҳад: *Чаро ба беинсофӣ дучор шуданро беҳтар намеҳисобед? Чаро зарар диданро беҳтар намеҳисобед?* Чунин муносибат ҳақиқатан масеҳиёна мебуд. Ба бадӣ тоб овардан аз бадӣ кардан хеле беҳтар аст.

**6,8** Аммо мавқеи қуринтиён чунин набуд. Ба ҷои он ки бадӣ ва фиребро босаброна таҳаммул намоянд, онҳо худашон дар ҳаққи дигарон ва ҳатто дар ҳаққи бародарони худ дар Масеҳ *беинсофӣ* мекарданд.

**6,9** Наход онҳо фаромӯш карда бошанд, ки *беинсофон вориси Подшоҳии Худо намешаванд?* Агар фаромӯш карда бошанд, пас вай рӯйхати гуноҳкоронеро, ки ба *Подшоҳии Худо* намедароянд, такрор мекунад. Вай ин ҷо дар назар надорад, ки масеҳиёне ки ин гуноҳҳоро содир мекунанд, ҳалокшуда ҳастанд, балки, аниқтараш, мегӯяд, ки шахсоне ки чунин гуноҳҳоро содир мекунанд – масеҳӣ нестанд.[13]

Дар ин рӯйхат *фосиқон* аз *зинокорон* бо он фарқ мекунанд, ки *фосиқӣ* алоқаи ҷинсии шахсони беникоҳ аст, дар ҳоле ки *зино* ин гуна алоқаи шахсони дар никоҳ бударо ифода мекунад. Чун дар ду рӯйхати пештараи боби 5, боз ҳам *бутпарастон* зикр шудаанд. *Ливотагарон* гуфта ин ҷо шахсоне дар назаранд, ки имкон медиҳанд баданашон дар алоқаи ҷинсии ғайритабиӣ истифода шавад, дар ҳоле ки *бачабозон* шахсоне мебошанд, ки дар ҳамин гуна алоқа дигаронро истифода мебаранд.

**6,10** Павлус ба ин рӯйхат *duздон, тамаъкорон, бадмастон, бадзабонон ва ғоратгаронро* илова мекунад. Дуздон онҳое мебошанд, ки чизи ба дигарон тааллуқдоштаро мегиранд. Ба он аҳамият диҳед, ки гуноҳи тамаъкорӣ ҳамеша дар байни бадкирдориҳои даҳшатноктарин зикр мешавад. Агарчи одамон метавонанд онро бахшанд ва диққати ҷиддӣ надиҳанд, Худо онро қатъиян маҳкум мекунад. *Тамаъкор* шахсест, ки хоҳиши сахти ба даст овардани молу мулкро дошта, аксаран барои ба даст овардани мақсади дилхоҳ воситаҳои ғайриқонуниро ба кор мебарад. *Бадмастон* гуфта асосан касоне номида шудаанд, ки аз нӯшокиҳои масткунанда суиистифода мекунанд. *Бадзабонон* шахсоне мебошанд, ки дар ҳаққи дигарон ҳақорат мекунанд. *Ғоратгарон* онҳое мебошанд, ки фоидаи беандоза гирифта, дар камбағалӣ ё муҳтоҷии дигарон сарватманд мешаванд.

**6,11** Павлус дар назар надорад, ки масеҳиёни қуринтӣ ҳамаи ин гуноҳҳоро содир кардаанд, аммо вай ёдрас мекунад, ки ин пеш аз имон овардан ба онҳо хос буд: *баъзе аз шумо чунин будед. Аммо* онҳо *шуста* шуданд, *муқаддас гардиданд* ва *сафед* шуданд. Онҳо аз гуноҳи худ ва аз нопокӣ бо Хуни Масеҳ пок шуданд ва доимо аз ҳама гуна нопокӣ бо Каломи Худо *пок мешуданд*. Аз ҷаҳон барои Худо ҷудо шуда, онҳо бо амали Рӯҳулқудс *қудсият пайдо карданд*. Онҳо *ба исми Худованди мо Исои Масеҳ ва Рӯҳи Худо сафед шуданд;* яъне онҳо дар асоси он чи Худованд Исо дар салиб барои онҳо кард, дар назди Худо росткор ҳисобида шудаанд. Павлус ин ҷо чӣ далеле меоварад? Ин фикри содаро Годет хеле хуб ифода намудааст: «Аз ҷарии бетаг ба воситаи файз гузашта, масеҳӣ набояд ба ақиб баргардад».

## Г. Фосиқӣ дар байни масеҳиён (6,12-20)

**6,12** Дар оятҳои хотимавии ин боб расул баъзе принсипҳои муҳокимарониро дар хусуси он ки чӣ дуруст аст ва чӣ нодуруст, баён мекунад. Принсипи якум он аст, ки он чи қонунӣ аст, метавонад бефоида бошад. Ҳангоме ки Павлус *«Ҳама чиз барои ман равост»* мегӯяд, вай комилан ҳама чизро дар назар надорад. Масалан, барои вай мумкин набуд, ки гуноҳҳои дар боло зикршударо содир кунад. Вай ин ҷо фақат дар хусуси чизҳои ахлоқан бетараф сухан меронад. Масалан, дар замони Павлус саволе рӯзмарра буд, ки оё гӯшти хукро хӯрдани масеҳӣ равост. Моҳиятан он аҳамияти ахлоқӣ надошт. Барои Худо аҳамият надошт, ки шахс гӯшти хукро мехӯрад ё не. Павлус ин ҷо танҳо онро мегӯяд, ки чизҳои муайян раво буда метавонанд, аммо бефоида. Ин метавонад чизе бошад, ки барои ман мумкин аст, аммо агар касе маро ҳангоми иҷрои он кор дарёбад, кори ман ӯро ба васваса меандозад. Дар ин ҳолат ин кор барои ман тамоман нолоиқ аст.

Принсипи дуюм он аст, ки чизи ҷоиз ба худ тобеъ карда метавонад. Павлус мегӯяд: *«... набояд чизе маро бандаи худ гардонад»*. Имрӯзҳо ин бевосита ба нӯшокиҳои спиртӣ, тамоку ё маводи нашъаовар дахл дорад. Онҳо, чун бисёр чизҳои дигар, одамро ба худ тобеъ мекунанд, ва масеҳӣ набояд ба худ имкони ба вобастагии ғуломона афтиданро диҳад.

**6,13** Принсипи сеюм ин аст: арзиши он чи барои масеҳӣ пурра равост, гузаранда буда метавонад. Павлус мегӯяд: *«Хӯрок барои шикам аст, ва шикам барои хӯрок; аммо Худо инро ва онро нест мекунад»*. Ин маънои онро дорад, ки *шиками* одам (ё меъда) чунон

сохта шудааст, ки хӯрокро хӯрда, ҳал карда метавонад. Гузашта аз ин, Худо ба таври аҷоиб *хӯрокро* чунон сохтааст, ки меъдаи одам онро қабул карда метавонад. Аммо мо набояд ба хотири хӯрок зиндагӣ кунем, чунки арзиши он гузаранда аст. Дар ҳаёти масеҳӣ хӯрок набояд ҷоеро дошта бошад, ки сазовор нест. Чунон зиндагӣ накунед, ки гӯё муҳимтарин чизи ҳаёт – ба иштиҳои худ хуш омадан аст.

Шубҳае нест, ки бадан ба таври мӯъҷизаосо барои қабул ва ҳазми хӯрок мувофиқ гардонда шудааст; *лекин бадан на барои фосиқӣ, балки барои Худованд аст, ва Худованд барои бадан аст.* Бадани инсонро тарҳрезӣ намуда, Худо онро ҳеҷ гоҳ барои истифода ба хотири мақсадҳои паст ё нопок муқаррар накарда буд. Ӯ ба нақша гирифта буд, ки он ба хотири ҷалоли Худованд ва хизмати пурбаракат ба Ӯ истифода шавад.

Дар ин оят ибораи аҷоибе ҳаст, ки онро аз мадди назар дур доштан мумкин нест. На фақат *бадан барои Худованд* аст; он фикр аҷоибтар мебошад, ки *Худованд барои бадан аст.* Ин маънои онро дорад, ки Худованд дар беҳбудӣ ва истифодаи дурусти баданҳои мо ҳавасманд аст. Худо мехоҳад, ки баданҳои мо ба Ӯ чун қурбонии зинда, муқаддас ва писандида тақдим карда шаванд (Рум. 12,1). Чунон ки Эрдман гуфтааст, «бе Худованд бадан ҳеҷ гоҳ эътибори ҳақиқии худ ва бефаноиро ба даст намеовард».[14]

**6,14** Маънои барои бадан будани Худованд дар ин оят муфассалтар фаҳмонда мешавад. *Худо* на фақат *Худовандро* аз мурдагон *бархезонд, Ӯ моро ҳам бо қуввати Худ бархезонад.* Таваҷҷуҳи Ӯ ба бадани мо бо марги мо тамом намешавад. Ӯ бадани ҳар як масеҳиро *бархезонда,* онро ба бадани пурҷалоли Худованд Исо монанд хоҳад кард. Дар абадият мо рӯҳҳои бебадан нахоҳем буд. Не, рӯҳ ва ҷони мо бо бадани пурҷалоли мо якҷоя хоҳанд шуд, то аз ҷалоли осмон баҳра баранд.

**6,15** Зарурати дар ҳаёт риоя кардани тозагии шахсӣ ва аз нопокӣ эҳтиёт кардани баданро сахттар таъкид карданӣ шуда, расул ба мо ёдрас мекунад, ки *баданҳои* мо *узвҳои Масеҳанд.* Ҳар як масеҳӣ узви бадани Масеҳ аст. Пас, *оё узвҳои Масеҳро мегирам, то онҳоро узвҳои фоҳишае гардонам?* Чунин савол додан маънои ба он ҷавоб доданро дорад, ва Павлус бо қатъият *Ҳеҷ гоҳ!* мегӯяд.

**6,16** Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ду бадан *як тан* мешаванд. Дар ибтидои офариниш чунин гуфта шуда буд: *«Ҳар ду як тан мешаванд»* (муқоиса кунед бо Ҳас. 2,24). Азбаски ин ҳамин тавр аст, пас масеҳие ки *бо фоҳиша пайвандад,* узвҳои Масеҳро узвҳои фоҳиша мегардонад. Ду кас *як тан* хоҳанд буд.

**6,17** Чунон ки ду кас дар амали ҷисмонӣ якҷоя мешаванд, низ касе ки ба Худованд Исои Масеҳ имон дорад, бо Ӯ *мепайвандад,* ва иттиҳоди масеҳӣ бо Масеҳ чунон мешавад, ки дар хусуси онҳо гуфтан мумкин аст: *«як рӯҳ».* Ин аз ҳамаи пайвастанҳои имконпазири ду шахс пайвастани комилтарин аст. Ин иттиҳоди наздиктарин аст. Бинобар ин Павлус ин ҷо исбот мекунад, ки *ҳар кӣ бо Худованд пайвандад*, ҳеҷ гоҳ набояд ба иттиҳоде роҳ диҳад, ки бо ин ҳамсарии рӯҳонӣ мухолифат мекунад.

А. Т. Пиерсон менависад:

*Меш метавонад аз рама равад, ва навдаро аз ток буридан мумкин аст; яке аз узвҳоро аз бадан ҷудо кардан мумкин аст, кӯдакро аз падар ва ҳатто занро аз шавҳар ҷудо кардан мумкин аст; аммо ҳангоме ки ду рӯҳ як шудаанд, онҳоро чӣ аз ҳам ҷудо карда метавонад? Ҳеҷ кадом алоқаи берунӣ ё иттиҳод, ҳатто никоҳ, чунин ифодаи пурраи якшавии комили ду ҳаёт нест.*[15]

**6,18** Барои ҳамин ҳам расул ба қуринтиён маслиҳат медиҳад, ки *аз фосиқӣ гурезанд.* Онҳо бояд ба он роҳ надиҳанд, бо он шӯхӣ накунанд, онро наомӯзанд, ва ҳатто дар бораи он гапназананд. Онҳо бояд аз он бигрезанд! Тасвири олидараҷаи онро дар Навиштаҳои Муқаддас, дар ҳикоят дар хусуси Юсуф, ҳангоме ки зани Фӯтифар вайро ба васвасаи гуноҳ кардан меандохт, ёфтан мумкин аст (Ҳас. 39). Баъзан гурехтан беҳтар аз он аст, ки дар назди васваса истода, кӯшиш кунем, то ба он зиддият намоем!

Сипас Павлус илова мекунад: *ҳар гуноҳе ки одамизод мекунад, аз ҷисм берун аст, лекин зинокор бар зидди ҷисми худаш гуноҳ мекунад.* Қисми зиёди гуноҳҳо ба ҷисм таъсири бевосита намерасонанд, аммо зино ягона гуноҳе дар навъи худ аст, ки ба ҷисм таъсири бевосита мерасонад: Одам натиҷаи гуноҳи худро дар ҷисми худ ҳосил мекунад. Тасдиқот дар хусуси он ки ҳар гуноҳи одамизод аз ҷисм берун аст, душворӣ ба миён меоварад.

Мо чунин меҳисобем, ки суханони расул ин ҷо нисбӣ мебошанд. Аксари гуноҳҳо ба ҷисм таъсир намерасонанд, дар ҳоле ки пурхӯрӣ ё бадмастӣ, масалан, онро ҳақиқатан вайрон мекунанд. Лекин ҳатто пурхӯрӣ ва бадмастӣ ба бадан дар муқоиса бо зино чунин таъсири бевосита, васеъ ва ҳалокатоварро намеоранд. Алоқаи ҷинсии берун аз никоҳ дар гуноҳкор ҳатман таъсири вайронкунанда ба амал меорад.

**6,19** Ва боз Павлус ба Қуринтиён ёдрас мекунад, ки даъвати онҳо пок ва боазамат аст. Наход онҳо фаромӯш карда бошанд, ки ҷисмҳои онҳо *маъбади Рӯҳулқудс аст?* Дар Навишта ҳақиқати муҳиме ҳаст: дар ҳар як масеҳӣ Рӯҳулқудс сокин аст. Чӣ гуна мо ҳатто фикр карда метавонем, ки ҷисмеро, ки дар он Рӯҳулқудс сокин аст, ба мақсадҳои гуноҳолуд истифода барем? На фақат ҷисми мо – парастишгоҳи Рӯҳулқудс аст, балки мо низ *аз они* худамон *нестем.* Мо ҳақ надорем, ки бо ҷисмамон мувофиқи хости худ рафтор намоем. Дар ниҳояти кор он на ба мо, балки ба Худованд тааллуқ дорад.

**6,20** Мо ҳам аз ҷиҳати офариниш ва ҳам аз ҷиҳати наҷот аз они Худованд ҳастем. Ин ҷо ба охиринаш диққати махсус дода мешавад. Ҳукмронии Худованд бар мо аз Ҷолҷолто бармеояд. Мо *бо нархи гарон харида шудаем.* Нархеро, ки Худованд арзиши моро бо он баҳо додааст, дар салиб мебинем. Ӯ моро чунон пурқимат ҳисобид, ки тайёр буд нархро барои мо бо хуни пурқимати Худ пардозад. Ӯ моро чунон дӯст дошт, ки гуноҳҳои моро бо ҷисми худ ба салиб бардошт!

Инро дар ёд дошта, ман дигар наметавонам ҷисмамро аз они худ ҳисобам. Агар ман онро мувофиқи хости худ ба кор бурданӣ шавам, ман чун дузде рафтор мекунам, ки чизи ба вай таалluқ надоштаро мегирад. Не, ман бояд *Худоро* дар *ҷисми* худ *ҳамду сано кунам,* чунки он ба Ӯ таалluқ дорад.

Бейтс нидо мекунад:

*Сар! Дар бораи Он Касе фикр кун, ки ба сараш тоҷе аз хор гузошта шуда буд. Дастон! Барои Он Касе меҳнат кунед, ки дастонаш ба салиб мехкӯб шуда буданд. Пойҳо! Барои иҷрои фармонҳои Он Касе бишитобед, ки пойҳояш сӯрох шуда буданд. Ҷисми ман! Маъбади Он Касе бош, ки ҷисмаш дар азобҳои мудҳиш буд.*[16]

Мо бояд Худоро *дар рӯҳи худ* ҳамду сано кунем, зеро ҳам чизи моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ дар одам *ба Худо* таалluқ дорад.[17]

## III. ҶАВОБИ РАСУЛ БА САВОЛҲОИ ҶАМОАТ (Б. 7–14)

### А. Дар хусуси никоҳ ва муҷаррадӣ (Б. 7)

**7,1** То ҳол Павлус дар хусуси гуноҳҳои гуногуне мегуфт, ки аҳли ҷамоати Қуринтус содир мекарданд, ва дар бораи онҳо вай худаш бевосита аз хабарҳо шунида буд. Акнун вай мехоҳад ба саволҳое ҷавоб диҳад, ки муқаддасони Қуринтус додаанд. Аввалини онҳо ба никоҳ ва муҷаррадӣ алоқаманд аст. Бинобар ин вай аввал принсипи умумиро поягузорӣ мекунад, ки чунин садо медиҳад: *Барои одам хуб аст, ки ба зан даст нарасонад. «Ба зан даст даст расондан»* ин ҷо бо зан муносибатҳои ҷисмонӣ доштанро мефаҳмонад. Расул дар назар надорад, ки муҷаррадӣ аз оиладорӣ муқаддастар аст; вай фақат мегӯяд, ки агар худро пурра ба хизмати Худованд бахшиданӣ бошӣ, беҳтараш зан нагирӣ. Ин чиз дар оятҳои оянда муфассалтар фаҳмонда мешавад.

**7,2** Аммо Павлус мефаҳмад, ки муҷаррадӣ боиси васвасаҳои беандозаи ба нопокӣ дода шудан мегардад. Бинобар ин вай изҳороти якумро пурра карда, мегӯяд: *Аммо, барои пешгирии фосиқӣ, бигзор ҳар мард завҷаи худро ва ҳар зан шавҳари худро дошта бошад.* Фармоиш дар хусуси он ки *ҳар мард завҷаи худро дошта бошад,* никоҳи моногамиро дар назар дорад. Дар ояти 2 принсипе ҳаст: Тартибе ки аз тарафи Худо барои одамон муқаррар шуда буд, чунон аст, ки ҳамеша буд, яъне одам бояд танҳо як ҳамсар дошта бошад.

**7,3** Дар никоҳ ҳар яке бояд ба ҳамсари худ ҳусни илтифот зоҳир намояд, чунки онҳо дар никоҳ бо ҳам вобастаанд. *«Бигзор шавҳар ба зани худ таваҷҷуҳи даркорӣ намояд»,* яъне «бигзор ӯ вазифаашро чун шавҳар нисбати занаш иҷро кунад». Албатта, зан низ бояд ба шавҳар бояд *ҳамин гуна* муносибат кунад. Ба боназокатие аҳамият диҳед, ки Павлус бо он дар ин мавзуъ сухан меронад. Ҳеҷ гуна дағалӣ, ҳеҷ гуна дуруштӣ – то чӣ андоза он аз ҷаҳон фарқ мекунад!

**7,4** Дар иттиҳоди никоҳӣ *зан* ба *шавҳар* вобаста аст ва баръакс. Барои дар ин иттиҳоди муқаддас амалӣ гардондани тартиби аз тарафи Худо муқарраршуда ҳам шавҳар ва ҳам зан бояд вобастагии тарафайнро дарк намоянд.

**7,5** Кристенсон менависад:

*Дар забони одӣ ин маънои онро дорад, ки агар яке аз ҳамсарон хоҳиши ҷинсӣ дошта бошад, дигаре бояд ба ин хоҳиш ҷавоб диҳад. Шавҳар ва зан, ки ин гуна муносибати одиро нисбати алоқаи ҷинсӣ қабул мекунанд, дар ин ҷиҳати никоҳ қаноатмандии олидараҷаеро пайдо мекунанд – танҳо аз он сабаб, ки решаҳои ин муносибатҳо на дар идеали сунъӣ ва ғайриимкон, балки дар воқеият аст.*[18]

Шояд, баъзе қуринтиён баъди имон овардан ба фикре афтоданд, ки ҷиҳати маҳрамонаи никоҳ бо муқаддасии масеҳиёна мувофиқат надорад. Павлус онҳоро аз ин гуна тасаввурот халос намуд. Ин ҷо вай бо қатъият мегӯяд, ки ҷуфтҳои масеҳӣ бояд аз якдигар *канорагирӣ накунанд,* яъне ҳаққи яке аз ҳамсаронро ба бадани ҳамсараш рад накунанд. Танҳо ду истисно ҳаст. Якум: худдорӣ бояд *бо розигии* ҳар ду тараф бошад, то ки шавҳар ва зан *ба рӯзаву дуо машғул бошанд.* Шарти дуюм: ин гуна худдорӣ бояд муваққатӣ бошад. Шавҳар ва зан бояд *аз нав якҷоя* шаванд, вагарна шайтон онҳоро ба васвасаи *худдорӣ накардан* ё беназоратӣ гирифтор хоҳад кард.

**7,6** Ояти 6 бисёр тафсирҳо ва мухолифатҳоро ба миён овардааст. Павлус мегӯяд: *Лекин инро чун иҷозат мегӯям, на чун фармон.* Баъзеҳо инро чун нишонаи он қабул карданд, ки расул суханони пеш аз ин зикршударо дорои илҳоми илоҳӣ намеҳисобад. Чунин маънидод нодуруст аст, зеро дар 1Қуринтиён 14,37 вай изҳор менамояд, ки он чи вай барои Қуринтиён навиштааст, фармони Худованд аст. Мувофиқи ақидаи мо, расул мегӯяд, ки дар ҳолатҳои муайян ҷуфти оилавӣ метавонад аз муошırати ҳамсарона худдорӣ намояд, аммо чунин худдорӣ на *фармоиш,* балки иҷозат аст. Масеҳиён маҷбур нестанд аз иҷрои вазифаи заношӯӣ канораҷӯӣ кунанд, то комилан ба дуо дода шаванд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ин оят ба ақидаи умумӣ дар хусуси никоҳ дахл дорад, яъне ба масеҳиён иҷозат дода шудааст, ки оиладор шаванд, аммо ин фармоиш нест.

**7,7** Ин ҷо Павлус ба шахсоне ки зан нагирифтаанд, маслиҳатҳо медиҳад. Пеш аз ҳама равшан аст, ки вай оиладор нашуданро афзал меҳисобид, аммо мефаҳмид, ки фақат ҳангоме танҳо мондан мумкин аст, ки Худо қобилиятро барои ин медиҳад. Ҳангоме вай чунин мегӯяд: *«... мехоҳам ки ҳамаи одамон чун ман бошанд»*, аз матн маълум аст, ки вай «беоила бошанд»-ро дар назар дорад. Ақидаҳо дар хусуси он ки Павлус ҳамеша муҷаррад буд ва ё ҳангоми навиштани ин сатрҳо бева буд, аз ҳам хеле фарқ мекунанд. Аммо ҳатто агар мо ин масъаларо ҳал карда метавонистем, ин барои мақсадҳои мо он қадар зарур нест. Ҳангоме Павлус чунин мегӯяд: *«... аммо ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, яке ин тавр, дигаре ба таври дигар»*, ин маънои онро дорад, ки Худо ба баъзеҳо атои муҷаррадиро медиҳад, дар ҳоле ки дигаронро возеҳан ба оиладор шудан даъват мекунад. Ин кори шахсӣ аст, ва ин ҷо қонуни умумие буда наметавонад, ки барои ҳама истифода бурдан мумкин бошад.

**7,8** Бинобар ин вай ба *муҷаррадон* ва *бевазанон* маслиҳат медиҳад, ки *чун* вай *монанд.*

**7,9** Аммо агар онҳо барои назорат карданӣ худ қувват надошта бошанд, агар онҳо *худдорӣ карда натавонанд,* ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки *оиладор шаванд. Зеро ки никоҳ кардан аз сӯхтан дар оташи шаҳват беҳтар аст.* Дар оташи шаҳват сӯхтан хатари ба гуноҳ афтоданро дорад.

**7,10** Ду ояти оянда ба *онҳое* дахл дорад, ки *ки оиладор шуданд,* ва ҳар ду ҳамсар масеҳӣ ҳастанд. *Ба онҳое ки оиладор шуданд, на ман мефармоям, балки Худованд* – ин маънои онро дорад, ки Павлус ин ҷо он чизеро таълим медиҳад, ки пештар *Худованд* Исо ҳангоми дар замин буданаш таълим медод. Исо аллакай дар хусуси ин масъала фармонҳои возеҳ додааст. Масалан, Ӯ талоқро манъ кардааст, ба истиснои ҳолатҳое ки сабаби он бевафоист (Мат. 5,32; 19,9). Павлус ин ҷо насиҳати умумӣ медиҳад: *зан аз шавҳар ҷудо нашавад.*

**7,11** Бо вуҷуди ин вай мефаҳмад, ки ҳолатҳои истисноӣ буда метавонанд, вақте зан маҷбур аст шавҳарашро тарк кунад. Дар ин ҳолат *вай бояд танҳо монад, ё ки бо шавҳараш оштӣ шавад.* Ҷудошавии ҳамсарон алоқаҳои заношӯиро барнамеканад; аниқтараш, он ба Худованд имкон медиҳад, то мухолифатҳоеро, ки боиси ҷудоӣ гаштаанд, бартараф намояд, ва ҳар ду тарафро дар мушоракат бо Ӯ ва бо ҳамдигар барқарор намояд. Ба *шавҳар* ҳукм карда

шудааст, ки *занашро талоқ надиҳад.* Дар ин ҳолат ҳеҷ гуна истисноҳо нестанд.

**7,12** Оятҳои 12-24 масъалаи оиладориеро аз назар мегузаронанд, ки дар он танҳо яке аз ҳамсарон масеҳӣ аст. Павлус суханони худро бо чунин изҳорот оғоз менамояд: *«Ба дигарон ман мегӯям, на Худованд».* Ва боз мо бо исрор таъкид мекунем: ин маънои онро надорад, ки гуфтаҳои Павлус на нуқтаи назари Худовандро, балки ақидаи худи вайро ифода мекунанд. Вай фақат мефаҳмонад, ки мавзуи мавриди муҳокимаи вай дар таълимоти *Худованд* Исо ҳангоми дар замин будани Ӯ зикр нашудааст. Дар Инҷил насиҳатҳои ба ин монанд нестанд. Худованд Исо ҳолатҳоеро таҳлил накарда буд, ки дар онҳо фақат яке аз ҳамсарон масеҳӣ аст. Акнун бошад Худованд Исо ба расули Худ барои ин ҳолат насиҳатҳо додааст, бинобар ин он чи Павлус дар ин ҷо гуфтааст, Каломи Худост, ки илҳоми илоҳӣ дорад.

*Ба дигарон* – яъне ба онҳое ки ҳамсаронашон беимонанд. Ин порча маънои онро надорад, ки байни масеҳӣ ва шахси беимон иттиҳоди никоҳӣ иҷозат дода шудааст. Эҳтимол, ин ба ҳолате дахл дорад, ки шахс пас аз никоҳ наҷот ёфтааст.

*«Агар бародаре завҷаи беимон дорад, ва он завҷа розӣ аст бо ӯ зиндагӣ кунад, ӯ набояд ба вай талоқ диҳад».* Барои ба ин ҷои Навишта пурра баҳо додан хотиррасон намудани фармонҳои Худо, ки ба халқи Ӯ дар Аҳди Қадим дода шудаанд, муфид аст. Ҳангоме ки яҳудиён занони бутпараст мегирифтанд ва аз ин иттиҳод фарзандон зода мешуданд, ба онҳо фармуда мешуд, ки ҳам занон ва ҳам фарзандонро тарк кунанд. Ин аз Эзро 10,2.3 ва Наҳемё 13,23-25 аён аст.

Акнун дар Қуринтус саволеро пеш оварда буданд, ки зани масеҳӣ бо шавҳар ва кӯдаконаш чӣ кунад ва марде ки занаш беимон аст, чӣ кунад. Вайро тарк кунад? Ҷавоб манфист. Ҳукми Аҳди Қадим акнун нисбати халқи Худо, ки ба вай файз ато шудааст, қобили истифода нест. Агар зани шахси масеҳӣ беимон бошад, ва вай *розӣ бошад бо ӯ зиндагӣ кунад,* ӯ набояд вайро тарк кунад. Ин маънои онро надорад, ки агар масеҳӣ зани беимон гирад, хуб аст, балки агар ӯ ҳангоми имон оварданаш аллакай бо вай оиладор бошад, набояд вайро тарк кунад.

**7,13** Айнан ҳамин тавр, *зане ки шавҳари беимон дорад, ва он шавҳар розӣ аст бо вай зиндагӣ кунад,* бояд дар иттиҳод бо шавҳар бимонад. Шояд, бо шаҳодати фурӯтанӣ ва тақводории худ вай шавҳарашро ба назди Худованд оварад.

**7,14** Ҳақиқатан, дар хонаи ғайримасеҳӣ будани масеҳӣ таъсири муқаддаскунанда дорад. Чунон ки дар боло гуфта шуда буд, муқаддас намудан – ҷудо кардан аст. Ин маънои онро надорад, ки зан шавҳари беимонашро наҷот медиҳад, ҳамчунин маънои онро надорад, ки вай шавҳарашро муқаддас мегардонад. Ин ҷо, аниқтараш, дар назар дошта шудааст, ки ин шавҳар мавқеи бартаринокро дорад. Толеи ӯ баланд будааст, ки зани масеҳӣ дорад ва ин зан дар хусуси ӯ дуо мекунад. Ба воситаи ҳаёт ва шаҳодати ин зан Худо ба ин хонадон таъсири Худро мерасонад. Аз нуқтаи назари одамӣ, марде ки занаш масеҳии тақводор аст, назар ба марде ки зани беимон дорад, имкони бештари наҷот ёфтан дорад. Чунон ки Вайн мегӯяд, *«ӯ таъсири рӯҳониро аз сар мегузаронад, ки дорои имкони ҳақиқатан бозгашт кардан аст».*[19] Ин нисбати *зани беимон ва шавҳари* масеҳӣ низ дуруст аст. Дар ин маврид завҷаи беимон қудсият пайдо мекунад.

Сипас расул илова мекунад: *«вагарна фарзандони шумо нопок мебуданд,* аммо акнун *онҳо муқаддасанд».* Мо аллакай зикр карда будем, ки дар Аҳди Қадим кӯдакон ва завҷаи бутпарастро тарк кардан лозим буд. Акнун Павлус мефаҳмонад, ки дар давраи файзи Худо, фарзандони зодашуда дар никоҳе ки яке аз ҳамсарон масеҳӣ аст, ва дигаре не, – *муқаддас ҳастанд.* Дар ояти додашуда суханони *«муқаддасанд»* ва *«қудсият пайдо мекунанд»* – як реша доранд. Ин маънои онро надорад, ки худи кӯдакон муқаддас шудаанд, яъне гӯё онҳо ҳатман пок ва беолоиш зиндагӣ мекунанд. Не, ин маънои онро дорад, ки ба онҳо имтиёз дода шудааст. Ақаллан яке аз волидони онҳо Худовандро дӯст медорад ва ба онҳо қиссаи инҷилиро нақл карда метавонад. Имконияти он ки онҳо наҷот меёбанд, хеле калон аст. Ба онҳо шарафи зистан дар хонадоне насиб шудааст, ки дар яке аз волидон Рӯҳулқудс сокин аст. Ба ин маъно онҳо муқаддасӣ пайдо кардаанд. Ин оят ҳамчунин боварӣро ба он изҳор менамояд, ки метавон соҳиби фарзандон буд, ҳангоме яке аз волидон масеҳист ва дигаре не. Худо ин гуна никоҳро эътироф мекунад, ва фарзандон ғайриқонунӣ ҳисобида намешаванд.

**7,15** Аммо масеҳӣ бо хоҳиши ҷудо шудани ҳамсараш бояд чӣ гуна муносибат кунад? Ҷавоб чунин аст: ба ҳамсар иҷозати *ҷудо шуданро* додан лозим аст. Ҷумлаи *«дар чунин вазъият бародар ё хоҳар вобаста нест»-ро* қатъӣ маънидод кардан хеле душвор аст. Касе шарҳ медиҳад, ки агар беимон масеҳиро тарк кунад ва ҳамаи сабабҳо ба он далолат кунанд, ки ин барои ҳамеша аст, пас масеҳӣ ҳақ дорад талоқ гирад. Тарафдорони ин шарҳ таълим медиҳанд, ки ояти 15 – ҷумлаи туфайлӣ буда, ояти 16 бо ояти 14 ба таври зайл алоқаманд аст:

1. Ояти 14 изҳор мекунад, ки ҳолати идеалӣ барои масеҳӣ – бо ҳамсари беимон мондан аст, чунки дар хонадон мавҷуд будани масеҳӣ таъсири поккунанда мерасонад.
2. Ояти 16 дар назар дорад, ки дар оила монда, масеҳӣ метавонад беимонро назди Масеҳ оварад.
3. Ояти 15 ҷумлаи туфайлист, ки дар он ба масеҳие ки ҳамсари беимонаш ӯро тарк кардааст, ҳуқуқи талоқ дода мешавад (ва, шояд, боз оиладор шудан).

Умед ба имконияти дар оянда наҷот ёфтан на бо рафтани беимон, балки бо иттиҳоди доимӣ алоқаманд аст.

Аммо баъзе муҳаққиқони Навиштаҳои Муқаддас исрор доранд, ки дар ояти 15 фақат дар хусуси ҷудошавӣ гуфта шудааст, на ин ки дар хусуси талоқ ё такроран оиладор шудан. Барои онҳо ин маънои онро дорад, ки агар беимон равад, ба вай имкони бо сулҳ рафтанро додан лозим аст. Ба зан, илова ба он чи аллакай кардааст, ҳеҷ гуна уҳдадории иловагӣ барои нигоҳ доштани никоҳ вогузор намешавад. *Худованд моро ба осоиш даъват намудааст,* ва мо набояд аз фишори эҳсосотӣ истифода барем ё ба мурофиаҳо даст занем, то беимонро аз рафтан нигоҳ дорем.

Кадоме аз тафсирҳо дуруст аст? Мо чунин меҳисобем, ки ҷавобӣ қатъӣ додан имконнопазир аст. Мувофиқи ақидаи мо, дар Инҷили Матто 19,9 Худованд таълим медод, ки агар яке аз тарафҳо дар бевафоӣ (зино) айбдор бошад, талоқ ҷоиз аст. Мо чунин меҳисобем, ки дар ин маврид тарафи бегуноҳ ҳақ дорад ба никоҳи нав дарояд. Дар хусуси Қуринтиён 7,15 бошад, мо боварӣ надорем, ки дар ҳолати ҳамсари масеҳии худро тарк кардани шахс талоқ ва никоҳи такрорӣ иҷозат дода мешавад. Аммо он касе ки дар ин гуна рафтан айбдор аст, қариб ҳатман зуд ба муносибатҳои нав медарояд, ва ҳамин тариқ, иттиҳоди аввала хоҳ-нохоҳ вайрон мешавад.

Ҷ. М. Дэвис менависад:

*Беимоне ки оиларо тарк мекунад, ба зудӣ дубора зан мегирад, ва ин ба таври автоматӣ иттиҳоди никоҳиро вайрон мекунад. Исрор намудан, ки ҳамсари таркшуда оиладор нашавад, – ба дӯши вай гузоштани борест, ки дар аксари ҳолатҳо одам ба он тоқат карда наметавонад.*[20]

**7,16** Фаҳмидани ин оят вобаста ба тафсири ояти 15 вариантҳо дорад.

Шахсоне ки мувофиқи ақидаашон, ояти 15 талоқро иҷозат намедиҳад, ин оятро барои тасдиқ меоранд. Онҳо исбот мекунанд, ки масеҳӣ метавонад ба зиндагии ҷудогона роҳ диҳад, аммо набояд ба ҳамсари беимонаш талоқ диҳад, чунки ин ба имконияти барқарор шудани иттиҳоди никоҳӣ халал мерасонад ва низ имкони наҷот додани беимонро аз байн мебарад. Аз тарафи дигар, онҳое ки мувофиқи ақидаашон, агар масеҳиро тарк карда бошанд, талоқ ҷоиз аст, ин оятро бо ояти 14 алоқаманд мекунанд, ояти 15-ро бошад ҷумлаи туфайлӣ меҳисобанд.

**7,17** Навимонон баъзан чунин меҳисобанд, ки бояд алоқаҳоро бо ҳаёти пештараи худ тамоман кананд, аз ҷумла никоҳро, ки худ аз худ гуноҳолуд нест. Дар хурсандие ки нав ба даст омадааст, хатари ба амал овардани инқилоби зӯроварона ва чаппагардон карданн ҳамаи он чи то ҳол маълум буд, ҳаст. Масеҳият барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ба инқилоби зӯроварона рӯ намеоварад. Аниқтараш, вай бо воситаҳои осоишта дигаргуниҳо ба амал меорад. Дар оятҳои 17-24 расул қоидаи умумиро тасвия медиҳад, ки мувофиқи он, барои масеҳӣ шудан зӯроварӣ ва қатъ намудани алоқаҳои мавҷуда лозим нест. Бешубҳа, вай пеш аз ҳама алоқаҳои оилавиро дар назар дорад, аммо ин принсипро ҳам ба алоқаҳои наҷодӣ ва ҳам ба иҷтимоӣ мансуб медонад.

Ҳар як масеҳӣ бояд мувофиқи даъвати Худованд зиндагӣ кунад. Агар Ӯ касеро ба ҳаёти оилавӣ даъват карда бошад, дар тарси Худованд ба ин пайравӣ кардан лозим аст. Агар Худованд файзи муҷаррадиро ато карда бошад, одам бояд ба ин даъват пайравӣ намояд.

Ба ғайр аз ин, агар дар лаҳзаи имон овардан вай зани беимон дошта бошад, бояд ин муносибатҳоро қатъ накунад, балки ҳамаи имкониятҳоро ба кор барад, то ки занашро ба наҷот оварад. Он чи Павлус ба қуринтиён мегӯяд, на танҳо ба онҳо дахл дорад; вай инро *дар ҳамаи ҷамоатҳо* таълим медод.

Вайн менависад:

*Ҳангоме ки Павлус мегӯяд: «Дар ҳамаи ҷамоатҳо ман чунин дастур медиҳам», вай низомномаҳои аз марказ мебаромада ирсол намекунад, балки ҷамоати Қуринтусро хабардор мекунад, ки ба он ҳамон насиҳатҳоеро медиҳад, ки ба ҳар як ҷамоат дода буд.*[21]

**7,18** Дар оятҳои 18 ва 19 Павлус масъалаи муносибатҳои нажодиро таҳлил менамояд. Агар шахс ҳангоми имон овардан яҳудӣ бошад, ки дар баданаш аломати хатна дорад, вай набояд ба ин бо нафрат муносибат кунад ва ҳама гуна нишонаҳои ҳаёти пештараро нобуд карданӣ шавад. Ҳамчунин шахсе ки дар лаҳзаи аз нав зода шудан ғайрияҳудӣ буд, набояд гузаштаи бутпарастонаи худро пинҳон дорад ва аломатҳои фарққунандаи яҳудиро қабул намояд.

Мо ин оятҳоро ба он маъно тафсир карда метавонем, ки яҳудии масеҳӣ бояд аз зистан бо зани яҳудии худ натарсад ва аз гузаштаи худ озод шуданро наҷӯяд. Ҳамчунин ғайрияҳудии масеҳӣ набояд миллати худро инкор кунад. Ин фарқҳои зоҳирӣ дар асл ин қадар аҳамият надоранд.

**7,19** Агар сухан дар хусуси моҳияти масеҳият равад, *хатна ҳеҷ аст, ва бехатнагӣ ҳам ҳеҷ аст. Риояи фармудаҳои Худо* аҳамияти ҳақиқӣ дорад. Дигар хел карда гӯем, барои Худо муҳим он чизест, ки дар дарун аст, на он чи дар берун. Масеҳиятро қабул карда, он муносибатҳоеро, ки дар зиндагӣ аллакай вуҷуд доранд, бо зӯрӣ дур андохтан лозим нест. *«Аниқтараш»,* мегӯяд Келлӣ, *«масеҳӣ бо имони худ то чунон мартабае баланд мешавад, ки он ҷо вай аз ҳамаи вазъиятҳо болотар аст».*[22]

**7,20** Қоидаи умумӣ чунин аст: *ҳар кас* бояд бо Худо дар он ҳолате *ки даъват шудааст, монад.* Ин, албатта, ба он даъвате дахл дорад, ки худ аз худ гуноҳкорона нест. Агар шахс то имон овардан бо корҳои гуноҳкорона машғул бошад, вай бояд онро тарк кунад! Аммо ин ҷо расул дар хусуси он чизе мегӯяд, ки худ аз худ бад нест. Инро оятҳои оянда, ки дар онҳо дар хусуси ғуломҳо гуфта мешавад, исбот мекунанд.

**7,21** *Ғуломи* масеҳӣ бояд чӣ кунад? Оё вай бояд бар зидди соҳиби худ бархезад ва озодӣ талаб кунад? Оё масеҳият исрор мекунад, ки мо бояд барои «ҳуқуқҳо»-и худ мубориза барем? Павлус ин ҷо ҷавоб медиҳад: *«Агар дар ҳолати ғуломӣ даъват шуда бошӣ, нороҳат нашав».* Дигар хел карда гӯем: «Оё ту ҳангоми имон оварданат ғулом будӣ? Бигзор ин туро нороҳат накунад. Ту метавонӣ ғулом монӣ ва бо вуҷуди ин аз баракатҳои ҳаёти масеҳиёна ҳаловат барӣ».

*Лекин агар озод шуда тавонӣ ҳам, аз фурсат истифода бар.* Ду тафсири ин ҷой ҳаст. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки Павлус чунин мегӯяд: «Агар ту озод шуда метавониста бошӣ, ҳамаи кӯшишҳоро ба кор бар, то аз ин имконият истифода барӣ». Мувофиқи ақидаи дигарон, расул мегӯяд, ки агар ғулом озод шуда метавониста бошад ҳам, масеҳият талаб намекунад, ки вай хоҳони озодӣ бошад. Беҳтар аст, ки вай ғуломии худро барои шаҳодат дар хусуси Худованд Исо истифода барад. Аксари одамон тафсири якумро қабул мекарданд (ва, эҳтимол, асоснок), аммо онҳо набояд онро сарфи назар кунанд, ки тафсири дуюм ба намунае ки Худи Худованд Исо ба мо нишон дод, аниқтар мувофиқат мекунад.

**7,22** *Зеро ғуломе ки дар Худованд даъват шудааст, озоди Худованд аст.* Ин ҷо на шахсе дар назар дошта шудааст, ки озод зода шудааст, балки касе ки озод карда шудааст, яъне ғуломе ки озодӣ пайдо кардааст. Дигар хел карда гӯем, агар шахс дар лаҳзаи имон овардан ғулом бошад, бояд ба ин аҳамият надиҳад, чунки *вай озоди Худованд аст.* Вай аз гуноҳҳо ва ғуломии шайтон озод шудааст. Аз тарафи дигар, агар шахс ҳангоми имон овардан *озод* бошад, вай бояд дарк кунад, ки аз ин лаҳза вай *ғуломе* шудааст, ки дастону пойҳояш аз тарафи Наҷотдиҳанда баста шудаанд.

**7,23** Ҳар як масеҳӣ *бо нархи гарон* харида шудааст. Аз он вақт вай ба Он Касе тааллуқ дорад, ки вайро харидааст, ба Худованд Исо. Мо бояд ғуломони Масеҳ бошем ва *ғуломи одамон нагардем.*

**7,24** Бинобар ин ҳолати иҷтимоии шахс муҳим нест, агар вай дар ин ҳолат доимо *назди Худо монда* тавонад. Ин ду калима назди Худо калимаҳои калидӣ ҳастанд, ки тамоми

ҳақиқатро мекушоянд. Агар одам *назди* Худо бошад, ҳатто ғуломӣ ҳам ба озодии пурра мубаддал гашта метавонад. Маҳз ҳамин чиз ҳама гуна ҳолати иҷтимоиро наҷиб ва муқаддас мегардонад.

**7,25** Дар оятҳои 25-38 расул ба муҷаррадон муроҷиат мекунад ҳам ба мардон ва ҳам ба занон. Калимаи *«бокираҳо» ҳам* ба инҳо ва ҳам ба онҳо дахл дошта метавонад. Ояти 25 ва низ баъзеи дигарро барои исботи он ба кор мебаранд, ки мундариҷаи ин боб на ҳатман илҳоми илоҳӣ дорад. Баъзеҳо ҳатто ба ифрот афтода, мегӯянд, ки Павлус, чун муҷаррад, нисбат ба занон бартарӣ доштани мардонро нишон доданӣ буд, ва дар суханони вай ақидаи шахсӣ ифода ёфтааст! Албатта, ин ақидаро тарафдорӣ кардан – ҳуҷуми бадхашмона ба илҳоми илоҳӣ доштани Навишта аст. Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки дар хусуси *бокираҳо аз Худованд фармоне надорад*, вай фақат дар назар дорад, ки ҳангоми хизмати заминии Худ Худованд дар хусуси ин масъала дастурҳои аниқе надодааст. Бинобар ин Павлус *ҳамчун шахсе ки ба воситаи марҳамати Худованд бовафост,* маслиҳати худро медиҳад, ва ин маслиҳат илҳоми илоҳӣ дорад.

**7,26** Умуман, *ба сабаби тангии вазъияти ҳозира,* муҷаррад будан *хуб* аст. Ибораи *«тангии вазъияти ҳозира»* умуман ба азобҳои ҳаёти заминӣ дахл дорад. Эҳтимол, ҳангоме ки Павлус ин мактубро менавишт, тангии вазъият махсусан вазнин буд. Ҳар тавре ки бошад, муҳтоҷӣ ва ғамҳо буданд ва хоҳанд буд, то даме ки Худованд меояд.

**7,27** Павлус ба онҳое ки аллакай зан доранд, маслиҳат медиҳад, ки *ҷудоӣ наҷӯянд*. Аз тарафи дигар, агар мард безан монда бошад, бояд *зан наҷӯяд. «Безан* монда бошад» на танҳо ба занмурдаҳо ва аз зан ҷудошудагон дахл дорад. Он маънои «аз никоҳ озод»-ро дорад ва метавонад онҳоеро низ дар бар гирад, ки ҳеҷ гоҳ зан нагирифта буданд.

**7,28** Ҳеҷ яке аз гуфтаҳои Павлусро чунин маънидод кардан мумкин нест, ки гӯё оиладор шудан гуноҳ бошад. Дар ниҳояти кор, Худо никоҳро дар боғи Адан ҳанӯз пеш аз он ки гуноҳ ба ҷаҳон ворид шавад, таъсис дода буд. Худи Худо гуфтааст: «Хуб нест, ки одам танҳо бошад» (Ҳас. 2,18). «Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад, ва ҷойхоби он беайб» (Ибр. 13,4). Дар ҷои дигар Павлус мегӯяд, ки манъ кардани оиладоршавӣ нишонаи муртадӣ дар замони охир аст (1Тим. 4,1-3).

Ҳамин тариқ, Павлус изҳор менамояд: *«Аммо агар оиладор ҳам шавӣ, гуноҳе намекунӣ; ва агар бокирае оиладор шавад, гуноҳе намекунад»*. Масеҳиёни навимон набояд фикр кунанд, ки муносибатҳои никоҳӣ як чизи бадест. Аммо Павлус илова мекунад, ки занҳои ба шавҳар мебаромада *дар ҷисм азоб мекашанд.* Ин суханон азобҳои зоидан ва ғайраро ифода карда метавонанд. Ҳангоме Павлус *«... ман инро бароятон намехоҳам»* мегӯяд, пурра имконпазир аст, ки вай инҳоро дар назар дорад: 1) *ман инро бароятон намехоҳам,* зеро шуморо азобҳои ҷисмонӣ интизоранд, ки дар ҳаёти оилавӣ ҳатман ҷой доранд, хусусан изтиробҳои ҳаёти оилавӣ; 2) *ман инро* барои хонанда *намехоҳам,* агар ҳамаи ин душвориҳоро барояш номбар кунам.

**7,29** Павлус мехост таъкид намояд, ки *азбаски вақт танг аст,* ҳатто ин муносибатҳои қонуниро мо бояд дуюмдара ҳисобем, то ки ба Худованд хизмат кунем. Бозомадани Масеҳ наздик аст, ва агарчи шавҳарон ва занон бояд вазифаҳои худро дар назди ҳамдигар содиқона ба ҷо оваранд, онҳо бояд кӯшиш кунанд, то ҷои асосиро дар зиндагии худ ба Масеҳ диҳанд.

Айэнсайд инро чунин баён мекунад:

*Ҳар яке бояд бо дарки он ҳақиқат амал намояд, ки вақт ҳақиқатан рафта истодааст, бозомадани Худованд наздик шуда истодааст ва ба ҳеҷ гуна майли ҳаловати шахсӣ роҳ додан лозим нест, то ба хоҳиши бахшидани худ ба иҷрои хости Худо халале расонда нашавад.*[23]

В. Е. Вайн мегӯяд:

*Маъно, албатта, на дар он аст, ки марди зандор бояд аз рафторе ки муносиби шавҳар аст, канораҷӯӣ кунад, балки муносибатҳои вай бо занаш бояд пурра ба муносибатҳои олӣ бо Худованд тобеъ карда шаванд ... ва Ӯ бояд дар дили вай ҷои асосиро ишғол намояд; вай набояд ба муносибатҳои табиӣ имкон диҳад, ки итоаташро ба Масеҳ вайрон кунанд.*[24]

**7,30** Ба андӯҳҳо, шодиҳо ва неъматҳои моддӣ диққати аз ҳад зиёд додан лозим нест. Ҳамаи ин бояд ба кӯшишҳои мо барои аз даст надодани имконияти хизмат кардан ба Худованд тобеъ бошад, то даме ки рӯз нагузаштааст.

**7,31** Дар замин зиста, мо хоҳ-нохоҳ бо чизҳои дунявӣ дар тамос хоҳем буд. Масеҳӣ пурра ба таври қонунӣ метавонад аз онҳо дар ҳаёти худ истифода барад. Аммо Павлус моро огоҳӣ медиҳад, ки мо метавонем онҳоро истифода барем, на ин ки суиистифода кунем. Масалан, масеҳӣ набояд ба хотири хӯрок, пӯшок ва ҳаловатҳо зиндагӣ кунад. Вай метавонад хӯрок ва пӯшокро истифода барад, чунки ин зарур аст, аммо онҳо набояд дар ҳаёти вай мавқеи асосӣ дошта бошанд. Оила, моликият, тиҷорат, фаъолияти сиёсӣ, илмӣ, мусиқӣ ё санъат дар ҷаҳон ҷои муайян доранд, аммо агар ба онҳо имкон дода шавад, метавонанд шахсро аз ҳаёти рӯҳонӣ дур кунанд.

Ҷумлаи *«сурати ин ҷаҳон гузарон аст»* аз театр гирифта шудааст ва ба табдили декоратсияҳо дахл дорад. Он мегӯяд, ки ҳама чизи атроф, ки мо мебинем, гузарон аст. Гузарон будани он дар сатрҳои маълуми Шекспир хуб тасвир ёфтааст: *«Тамоми олам театр аст. Занҳо ва мардҳо – ҳама дар он актёрҳоянд. Онҳо баромадҳои худ, рафтанҳои худро доранд, ва ҳар яке на як нақшро мебозад».*[25]

**7,32** Павлус мехоҳад, ки масеҳиён *беғам бошанд*. Вай он ғамхориҳоеро дар назар дорад, ки дар хизмат ба Худованд халал мерасонанд. Бинобар ин вай мефаҳмонад: *марди безан дар бораи он чи ба Худованд оид аст, ғамхорӣ мекунад*. Ин маънои онро надорад, ки ҳамаи масеҳиёни безан худро пурра ба Худованд месупоранд; ин маънои онро дорад, ки шахси безан имкониятҳоеро дорад, ки шахси зандор надорад.

**7,33** Боз ҳам, ин маънои онро надорад, ки шахси *зандор* ба он чи ба Худо оид аст, ғамхорӣ карда наметавонад. Ин мушоҳидаи умумист: ҳаёти оилавӣ талаб мекунад, ки мард *ба завҷааш писанд афтад*. Вай бояд оиди уҳдадориҳои иловагӣ фикр кунад. Чунон ки Вайн гуфтааст, *«умуман, агар шахс зандор бошад, хизмати вай маҳдуд аст. Агар вай безан бошад, вай метавонад ба канори замин рафта, Хушхабарро мавъиза намояд».*[26]

**7,34** *Зани бешавҳар дар бораи он чи ба Худованд оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Худованд писанд афтад, то ки ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад; аммо зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба шавҳараш писанд афтад*. Ин ҷо низ баъзе тавзеҳот лозиманд. *Зани бешавҳар,* ё *бокира* ба *он чи ба Худованд оид аст,* вақти бештареро дода метавонад. *«То ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад»* маънои онро надорад, ки беникоҳӣ муқаддастар аст; он фақат маъноеро дорад, ки вай барои кори Худованд *ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ* бештар ҷудо карда метавонад. Вай на бештар муқаддас аст, балки вақти холии бештаре дорад.

Ва боз, *зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад*. Ин маънои онро надорад, ки вай назар ба зани бешавҳар бештар ба ҷаҳон тааллуқ дорад, аммо як қисми рӯзи вай ҳатман бояд ба чунин вазифаҳои дунявӣ ба монанди ғамхорӣ дар хусуси хона бахшида шавад. Ин корҳо ҷоиз ва дурустанд, ва Павлус онҳоро маҳкум намекунад ва аҳамияти онҳоро кам намеҳисобад; вай фақат изҳор мекунад, ки зани бешавҳар назар ба зани шавҳардор имконият ва вақти бештаре барои хизмат дорад.

**7,35** Павлус ин таълимотро на барои он мавъиза мекунад, ки одамонро ба низоми сахти ғуломӣ дарорад. Вай фақат *ба фоидаи* онҳо насиҳат мекунад, ки онҳо дар хусуси ҳаёт ва хизмати худ ба Худованд фикр карда, дар партави ин дастурҳо дар хусуси роҳбарии Ӯ қазоват карда тавонанд. Вай чунин меҳисобад, ки муҷаррадӣ хуб аст, ва он ба шахс имконияти *дар ибодати Худованд* буданро медиҳад, *бе он ки чизе ба ин монеъ шавад*. Мувофиқи ақидаи Павлус, одам метавонад байни оиладорӣ ва муҷаррадӣ интихобе кунад. Расул *ба касе банду боре андохтанӣ* ё касеро ба ғуломӣ дароварданӣ нест.

**7,36** Аз ҳамаи оятҳои ин боб, ва эҳтимол тамоми нома, оятҳои 36-38-ро беш аз ҳама нодуруст мефаҳманд. Маънидоди маъмулӣ чунин аст: дар айёми Павлус тамоми пуррагии қудрат дар хона ба мард тааллуқ дошт. Вай ҳуқуқ дошт қарор қабул кунад, ки духтаронаш ба шавҳар бароянд ё не. Онҳо наметавонистанд бе иҷозати вай ин корро кунанд. Дар ин асос оятҳои додашударо чунин мефаҳмиданд: Агар мард ба духтаронаш иҷозати ба шавҳар баромаданро надиҳад, ин дуруст аст, аммо агар иҷозат диҳад, он гоҳ ҳам гуноҳ намекунад.

Агар ин оятҳо имрӯзҳо чун насиҳат ба халқи Худо истифода шаванд, чунин маънидод қариб бемаъно менамояд. Маънидод ба

қаринаи матни боб мувофиқат намекунад ва, аз афташ, майнаи касро тамоман гиҷ мекунад.

Дар як нусхаи Инҷил калимаи «бокира» чун «арус» тарҷума шудааст. Дар ин маврид маънои ин оят чунин аст: агар мард аруси худро ба занӣ гирад, гуноҳ намекунад, аммо агар аз гирифтани вай худдорӣ кунад – беҳтар аст. Ин гуна нуқтаи назар боиси бисёр мушкилиҳо шуда метавонад.

Вилям Келлӣ дар тафсири худ ба Қуринтиён нуқтаи назари алтернативиро меорад, ки аз афташ, бартариҳои бештаре дорад. Келлӣ чунин меҳисобад, ки калимаи «бокира (партенос)»-ро чун «бакорат» низ тарҷума кардан мумкин аст.[27] Ҳамин тариқ, дар ин оятҳо сухан на дар бораи духтарони бешавҳари мард, балки дар хусуси боисматии худи вай аст. Мувофиқи ин маънидод, агар шахс безан монад, хуб мекунад, аммо агар зан гирифтанӣ шавад, *гуноҳе намекунад*.

Ҷон Нелсон Дарбӣ низ дар тарҷумаи худ ҳамин гуна тафсирро пайравӣ мекунад:

*Аммо агар касе чунин ҳисобад, ки нисбати бакорати худ нолоиқ рафтор мекунад, ва агар вай аллакай дар синни балоғат бошад, бигзор ҳар чи хоҳад, кунад, вай гуноҳ намекунад – бигзор зан гирад. Аммо агар касе ки дар дили худ устувор аст, эҳтиёҷ надорад, балки бар иродаи худ қудрат дорад ва дар дили худ бакоратро нигоҳ доштанист, вай дуруст мекунад. Бинобар ин, касе ки зан мегирад, хуб мекунад, аммо касе ки зан намегирад, хубтар мекунад.*

Он гоҳ ояти 36-ро муфассалтар аз назар гузаронида, мо ба натиҷаи зерин меоем: Агар мард ба синни балоғати пурра расида бошад, ва агар вай ҳис накунад, ки атои худдорӣ дорад, – агар зан гирад, *гуноҳе намекунад*. Вай чунин меҳисобад, ки аз рӯи зарурат чунин рафтор мекунад, ва бинобар он дар ин маврид вай бояд он чи мехоҳад, кунад, яъне зан гирад.

**7,37** *Аммо* агар шахс қатъиян қарор додааст, ки бемайлон ба Худованд хизмат кунад ва агар вай худро ба андозае хуб идора мекунад, ки ба зангирӣ *эҳтиёҷе надорад,* ва агар вай қарор додааст муҷаррад монад ва ҳамаи ин бо мақсади дар хизмати худ ҷалол додани Худост, пас *ӯ кори хуб мекунад*.

**7,38** Дар хулоса гуфта шудааст, ки касе ки оиладор мешавад (таҳтуллафзан: ки худро ба оиладорӣ медиҳад), кори хуб мекунад, аммо касе ки барои ба Худованд бештар хизмат кардан безан мемонад, *кори хубтар мекунад*.

**7,39** Дар ду ояти охири боби 7 ба бевазанон маслиҳат дода шудааст. *Зан, мувофиқи шариат, то даме ки шавҳараш зинда аст, ба ӯ тааллуқ дорад*. Калимаи *«шариат»* ин ҷо ба шариати никоҳ, ки Худо муқаррар намудааст, дахл дорад. Агар *шавҳари* ин зан мурад, *вай озод* аст, то ба дигаре *оиладор шавад*. Ҳамин ҳақиқат дар Румиён 7,1-3 низ эълон карда мешавад: муносибатҳои никоҳиро марг барҳам медиҳад. Аммо расул як шартро илова мекунад: *вай озод* аст, то *ба ҳар касе ки хоҳад, оиладор шавад, фақат дар Худованд бошад*. Пеш аз ҳама ин маънои онро дорад, ки шахсе ки зан бо вай оиладор шуданист, бояд масеҳӣ бошад, аммо маънои ин оят васеътар аст. Дар Худованд – яъне «мувофиқи хости Худованд». Дигар хел карда гӯем, вай метавонад бо масеҳӣ оиладор шуда, боз ҳам на мувофиқи хости Худо рафтор кунад. Дар ин кори муҳим зан бояд роҳнамоии Худовандро ҷӯяд ва бо ҳамон масеҳие оиладор шавад, ки Худованд ба вай медиҳад.

**7,40** Павлус кушоду равшан эълон мекунад, ки *агар* бевазан бешавҳар *монад, хушбахттар аст*. Ин ба 1Тимотиюс 5,14 мухолифат намекунад. Он ҷо Павлус ақидаи худро дар хусуси бевазанони ҷавон баён карда, мегӯяд, ки онҳо бояд ба шавҳар бароянд. Ин ҷо вай қоидаи умумиро баён мекунад, дар 1Тимотиюс бошад – истиснои мушаххас.

Сипас вай илова мекунад: *«... ба гумонам, ман низ Рӯҳи Худоро дорам»*. Баъзеҳо ин оятро нодуруст фаҳмида, чунин меҳисобанд, ки Павлус ин суханонро гуфта, ба худ бoварӣ надорад! Мо боз ҳам ба ҳар гуна тафсири ба ин монанд шадидан мухолиф ҳастем. Илҳоми илоҳӣ доштани навиштаҳои Павлус дар ин порча баҳснопазир аст. Ин ҷо вай киноя мекунад. Баъзе қуринтиён расул будан ва таълимоти Павлусро ба зери шубҳа мегузоштанд. Онҳо мегуфтанд, ки фикрҳои Худовандро доранд. Павлус ҷавоб медиҳад: «Дигарон дар хусуси ман ҳар чи гӯянд ҳам, ман фикр мекунам, ки Рӯҳи Худоро дорам. Онҳо шаҳодат медиҳанд, ки Ӯро доранд, аммо, албатта, гуфта наметавонанд, ки фақат онҳо дорои Рӯҳулқудс ҳастанд».

Мо медонем, ки Павлус ҳақиқатан дар ҳамаи он чи барои мо навиштааст, *Рӯҳи Худоро*

дошт, ва пайравӣ ба насиҳатҳои вай ба мо муваффақият меорад.

## Б. Дар хусуси хӯрдани гӯшти ба бутҳо қурбонишуда (8,1–11,1)

Дар 1Қуринтиён 8,1-11,1 масъалаи хӯрдани гӯшти қурбониҳои бутҳо аз назар гузаронида мешавад, ки он барои шахсони ба қарибӣ аз бутпарастӣ ба Масеҳ бозгашткарда мушкилии воқеӣ буд. Эҳтимол, дар баъзе идҳо онҳоро ба ибодатхона даъват мекарданд ва он ҷо базми калоне ороста, гӯштеро медоданд, ки чун қурбонӣ ба бутҳо пешкаш шуда буд. Ё шояд, онҳо метавонистанд ба бозор рафта, фаҳманд, ки гӯштфурӯш гӯштеро мефурӯшад, ки қурбонии бутҳост. Албатта, ин ба сифати гӯшт тамоман таъсир намерасонад, аммо оё масеҳӣ бояд онро харад ё не? Ё, масалан, масеҳиро ба хонаи касе даъват намуда, бо гӯште зиёфат карда метавонистанд, ки пештар ба ягон санами бутпарастон пешкаш шуда буд. Агар вай донад, ки маҳз ҳамин тавр аст, оё вай бояд ин хӯрокро хӯрад ё не? Павлус ба ин саволҳо ҷавоб медиҳад.

**8,1** Расул аз изҳороте сар мекунад, ки ҳам вай ва ҳам қуринтиён *дар бораи қурбониҳои бутҳо медонанд*. Ин на он мавзуест, ки онҳо тамоман намедонанд. Масалан, ҳамаашон медонистанд, ки агар пораи гӯшт ба буте бахшида шавад, он ҳеҷ дигаргун намешавад. Маза ва хусусиятҳои ғизоии он ҳамон хел мемонад. Аммо Павлус илова мекунад, ки *дониш ҳавобаланд мегардонад, аммо муҳаббат обод мекунад*. Вай дар назар дорад, ки барои ҳалли чунин масъалаҳо як худи дониш кофӣ нест. Агар дониш ягона принсипи истифодашаванда мебуд, ин боиси мағрурӣ мешуд. Дар асл масеҳиён бояд дар чунин масъалаҳо на танҳо донишро, балки муҳаббатро низ ба кор баранд. Онҳо бояд на танҳо онро ба назар гиранд, ки барояшон қонунист, балки ҳамчунин он чиро, ки барои дигарон беҳтар аст.

**8,2-3** Вайн ояти 2-ро ин тавр аз нав баён мекунад: «Агар шахс гумон кунад, ки дониши пурраро ба даст овардааст, пас вай ҳанӯз ба донистани он сар накардааст, ки донишро чӣ гуна ба даст овардан лозим аст». Бе муҳаббат дониши ҳақиқӣ буда наметавонад. Аз тарафи дигар, *касе ки Худоро дӯст медорад, назди Ӯ шинохта шудааст,* ба он маъно, ки Худо вайро меписандад. Аз як тараф, ба Худо ҳама чиз маълум аст, аммо аз тарафи дигар, Ӯ масеҳиёнро махсусан хуб медонад. «Шинохта шудааст» ин ҷо барои ифодаи ҳусни таваҷҷуҳ ё розигӣ истифода мешавад. Шахсе ки дар хусуси чӣ гуна муносибат кардан ба қурбониҳои бутҳо на танҳо дар асоси дониши холис, балки дар асоси муҳаббат ба Худо ва одам қарор қабул мекунад, сазовори табассуми розигии Худо мешавад.

**8,4** Дар хусуси *қурбониҳои бутҳо* сухан ронда, масеҳиён мефаҳманд, ки бут худои ҳақиқии дорои қудрат, дониш ва муҳаббат нест. Павлус мавҷудияти бутҳоро рад намекунад; мо медонем, ки масалан, санамҳои аз чӯб ё санг тарошидашуда буданд. Дертар вай тасдиқ мекунад, ки дар паси ин бутҳо қувваҳои шайтонӣ истодаанд. Аммо ин ҷо вай таъкид мекунад, ки худоёне ки ин бутҳо бояд тасвир диҳанд, вуҷуд надоранд. *Ғайр аз Худои Ягона,* яъне Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, *худои дигаре нест.*

**8,5** Павлус эътироф мекунад, ки дар асотири бутпарастона *ба ном худоёни* зиёде буданд, чун Юпитер, Юнона ё Меркурий. Чунин ҳисобида мешуд, ки баъзеи онҳо *дар осмон* зиндагӣ мекунанд, дигарон бошанд, чун Серера ё Нептун, – дар ҳамин ҷо, *дар замин.* Ба ин маъно *худоёни бисёр ва худовандони бисёр ҳастанд,* яъне бисёр махлуқоти асотирӣ ҳастанд, ки одамон онҳоро ибодат мекарданд ва дар ғуломии онҳо буданд.

**8,6** Масеҳиён медонанд, ки *як Худои Падар* ҳаст, *ки ҳама чиз аз Ӯст, ва мо барои Ӯ ҳастем.* Ин чунин маъно дорад, ки Худо, Падари мо – Сарчашма, ё Офаридгори *ҳама чиз* аст ва *мо барои Ӯ* офарида шудаем. Дигар хел карда гӯем, Ӯ мақсади мавҷудияти мост. Мо ҳамчунин медонем, ки як Худованд ҳаст, яъне *Исои Масеҳ, ки ҳама чиз ба воситаи Ӯст, ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем. «Ки ҳама чиз ба воситаи Ӯст»* Худованд Исоро чун Миёнарав ё Ҳамкори Худо тасвир менамояд, дар ҳоле ки *«ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем»* ба он ишорат мекунад, ки ба шарофати миёнаравии Ӯ мо офарида шудаем ва наҷот ёфтаем.

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки *як Худои Падар ва як Худованд Исои Масеҳ* ҳаст, вай гуфтанӣ нест, ки Худованд Исо Худо нест. Вай фақат ба нақше ишорат мекунад, ки ду Шахсияти илоҳӣ дар офариниш ва наҷот иҷро мекунанд.

**8,7** *Аммо* на ҳамаи масеҳиён, хусусан навимонон, ин озодиеро, ки дар Масеҳ доранд, мефаҳманд. Дар гузашта бо парастиши бутҳо сарукор дошта, ба бутҳо *одат* карда, онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳангоми хӯрдани гӯшти *қурбонии бут* бутҳоро ибодат мекунанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки бут воқеист, ва бинобар ин *виҷдони онҳо, ки нотавон аст, нопок мешавад.*

Калимаи *«нотавон»* ин ҷо маънои «ҷисман ё аз ҷиҳати рӯҳонӣ суст»-ро надорад. Ин ба онҳое дахл дорад, ки дар корҳои аҳамияти ахлоқӣ надошта беҳад хурдагир ҳастанд. Масалан, Худо ба масеҳӣ хӯрдани гӯшти хукро манъ намекунад. Мувофиқи Аҳди Қадим, ин хӯрокро яҳудӣ хӯрда наметавонист, аммо ба масеҳӣ озодии пурра доида шудааст, ки ин гуна хӯрокро хӯрад. Аммо яҳудие ки ба масеҳият рӯ овардааст, дар ин масъала дудила шуда метавонад. Вай метавонад чунин ҳисобад, ки ҳангоми хӯроки шом хӯрдани гӯшти бирёни хук хуб нест. Навиштаҳои Муқаддас чунин шахсонро бародари нотавон меноманд. Ин маънои онро дорад, ки вай озодии масеҳиёнаи худро ба таври пурра истифода намебарад. Амалан, то даме вай ақида дорад, ки хӯрдани гӯшти хук мумкин нест, агар онро хӯрад, гуноҳ мекунад. Дар ҷумлаи *«виҷдони онҳо, ки нотавон аст, нопок мешавад»* маҳз ҳамин чиз дар назар дошта шудааст. Агар виҷдони ман ягон амалеро маҳкум кунад, аммо ман онро кунам, гуноҳкор мешавам. «Ҳар коре ки мувофиқи имон нест, гуноҳ аст» (Рум. 14,23).

**8,8** *Хӯрок* худ аз худ барои *Худо* масъалаи аввалиндараҷа нест. Худдорӣ аз намудҳои муайяни хӯрок барои мо ҳусни таваҷҷуҳи Худоро таъмин намекунад, ва ҳамчунин хӯрдани чунин хӯрок моро масеҳиёни хуб намегардонад.

**8,9** Аммо агарчи ҳангоми хӯрдани чунин хӯрок чизе ба даст намеорем, мо бисёр чизҳоро аз даст дода метавонем, агар бо ин корамон боиси пешпо хӯрдани масеҳии *нотавон* шавем. Ана дар ҳамин ҷо бояд принсипи муҳаббат ба амал сар кунад. Масеҳӣ озод аст, ки гӯшти ба қурбонии бутҳо овардашударо хӯрад, аммо тамоман нодуруст мебуд, агар вай бо ин кораш ба бародар ё хоҳари *нотавон* зарар расонад.

**8,10** Хатар дар он аст, ки агар бародари нотавон *бинад,* ки касе кори дар назари вай шубҳаоварро мекунад, вай низ метавонад ҳамон корро кунад, агарчи виҷдонаш вайро маҳкум мекунад. Дар ин оят расул *дар сари дастурхони бутхона* нишастанро аз боиси он таъсире ки ба дигарон расонда метавонад, маҳкум мекунад. Албатта, ҳангоме ки Павлус дар хусуси шахсе мегӯяд, ки *дар сари дастурхони бутхона* нишастааст, вай чорабиниҳои ҷамъиятӣ ё тантанаҳои калонро, чун базми арусӣ, дар назар дорад. Агар хӯрокхӯрӣ ягон хел иштирокро дар парастиши бутҳо дар бар гирад, ҳеҷ гоҳ дар бутхона хӯрок хӯрдан мумкин нест. Дар оянда Павлус инро маҳкум мекунад (10,15-26). *«Агар касе туро, ки соҳиби дониш ҳастӣ, бинад ...»* чунин маъно дорад: агар туро, ки пурра дорои озодии масеҳиёна буда, медонӣ, ки гӯшти барои бутҳо қурбонишуда нопок нест, касе бинад ... Принсипи муҳим ин ҷо дар он аст, ки мо бояд на танҳо онро ба ҳисоб гирем, ки ин рафтор ба худи мо чӣ таъсире мерасонад, балки боз ҳам муҳимтар он аст, ки ин ба дигарон чӣ таъсире расонда метавонад.

**8,11** Шахс метавонад аз донистани он чи барои масеҳӣ мумкин аст, чунон фахр кунад, ки ин боиси хато кардани бародари вай дар Масеҳ мешавад. *«Нобуд мешавад»* маънои онро надорад, ки вай аз наҷоти ҷовидонӣ маҳрум мешавад. Он маънои аз даст додани ҳаётро не, балки аз даст додани ҳаёти хубро дорад. Шаҳодати бародари нотавон ноқис мешавад, ҳаёташ бошад аз ҷиҳати фоиданокӣ ба Худо ба тарафи барояш номусоид тағйир меёбад. Суханони *«ки Масеҳ барои ӯ мурд»* нишон медиҳанд, ки ба имконияти зарар расондан ба бародари нотавон хеле ҷиддӣ муносибат кардан лозим аст. Павлус ин ҷо исбот мекунад, ки агар Худованд Исо ин шахсро ба дараҷае дӯст дошт, ки барояш мурдан хост, пас мо ҳақ надорем бо кардани коре ки вайро ба роҳи нодуруст бурда метавонад, ба пешрафти рӯҳонияш халал расонем. Якчанд пораҳои гӯшт арзиши инро надоранд!

**8,12** Гап на танҳо дар он аст, ки мо метавонем бар зидди бародар дар Масеҳ гуноҳ кунем ё *виҷдони нотавони* вайро захмдор намоем. Ҳамин тариқ мо *бар зидди* Худи *Масеҳ* гуноҳ мекунем. Ҳар он чи мо барои хурдтарини бародарони Ӯ мекунем, барои Ӯ мекунем. Ҳар он чи ба яке аз узвҳои Бадани Ӯ дард меоварад, ба Сар низ дард меоварад. Вайн ишорат мекунад, ки ин масъаларо муҳокима намуда, расул хонандагонро ба дида баромадани он

дар партави марги кафораткунандаи Масеҳ меорад. Барнс мегӯяд: *«Ин даъватест, ки аз муҳаббати амиқ ва мушфиқона, азобҳо ва нолаҳои пешазмаргии Писари Худо бармеояд».*[28] *Зидди Масеҳ гуноҳ кардан* «ҷинояти вазнинтарин аст», мегӯяд Годет. Инро дарк карда, мо бояд рафторҳои худро дар партави он дида бароем, ки онҳо ба дигарон чӣ таъсире мерасонанд, ва аз ҳар он чи ба бародар зарар расонда метавонад, худдорӣ намоем.

**8,13** Азбаски *бародарро ба васваса андохтан* – бар зидди Масеҳ гуноҳ кардан аст, Павлус изҳор мекунад, ки *ҳаргиз гӯшт намехӯрад,* агар бо ин кораш *бародари худро ба васваса* меандохта бошад. Амали Худо, ки дар ҳаёти шахси дигар ба амал оварда мешавад, аз гӯштбирён беандоза муҳимтар аст! Агарчи имрӯзҳо барои бисёрии масеҳиён мавзуи қурбониҳои бутҳо масъалаи дарднок нест, принсипҳое ки ин ҷо Рӯҳулқудс муқаррар мекунад, арзиши нагузаранда доранд. Дар ҳаёти масеҳиёнаи имрӯза бисёр чизҳое ҳастанд, ки агарчи аз тарафи Навиштаҳои Муқаддас манъ нашудаанд, ба масеҳиёни нотавон зарар расонда метавонанд. Ҳатто агар мо ҳаққи дар ин гуна корҳо иштирок карданро дошта бошем ҳам, ҳаққи аз он даст кашидан ба хотири офияти онҳое ки мо дар Масеҳ дӯсташон медорем, муҳимтар аст.

**9,1** Дар назари аввал чунин менамояд, ки дар боби 9 мавзуи нав муҳокима карда мешавад. Аммо масъалаи қурбониҳои бутҳо дар давоми ду боб аз назар гузаронда мешавад. Ин ҷо Павлус фақат руҷуе мекунад, то барои нафъи дигарон намунаи фидокории худро оварад. Мувофиқи принсипе ки дар ояти 8,13 пешкаш шудааст, вай тайёр аст аз ҳаққи худ чун расул ба ёрдами молиявӣ даст кашад. Ҳамин тариқ, ин боб бо боби 8 зич алоқаманд аст.

Чунон ки мо медонем, дар байни қуринтиён чунин касоне низ буданд, ки ба эътибори Павлус шубҳа доштанд. Онҳо мегуфтанд, ки вай ба қатори дувоздаҳ расул намедаромад, ва аз ин сабаб расули ҳақиқӣ нест. Павлус изҳор мекунад, ки ҳамчун расули ҳақиқии Худованд Исо аз сардории одамӣ озод аст. Ӯ ин изҳоротро бо ду факт асоснок мекунад. Аввалан, *вай Худованди мо Исои Масеҳро* зиндашуда *дидааст.* Ин дар роҳи Димишқ ба амал омада буд. Вай ҳамчунин ба худи қуринтиён чун ба далели расул будани вай ишорат карда, мепурсад: *«Оё шумо амали ман дар Худованд нестед?»*

Агар онҳо дар расул будани вай шубҳа дошта бошанд, бояд худро тафтиш намоянд. Оё онҳо наҷот ёфтаанд? Албатта, онҳо мегӯянд, ки ҳа. Хуб, аммо кӣ онҳоро ба назди Масеҳ овард? Расул Павлус! Бинобар ин худи онҳо исботи он ҳастанд, ки вай расули ҳақиқии Худованд аст.

**9,2** *Дигарон* метавонанд вайро чун расул эътироф накунанд, аммо қуринтиён, бегуфтугӯ, бояд эътироф намоянд. Онҳо *муҳри расулии* вай *дар Худованд ҳастанд.*

**9,3** Ояти 3, аз афташ, ба порчаи гузашта дахл дорад. Павлус ин ҷо мегӯяд, ки он чи ҳозир гуфт – *ҷавоби* вай *ба муқобили онҳоест, ки* вайро *сарзаниш мекунанд,* ё ба муқобили онҳоест, ки ба эътибори расулонаи вай шубҳа доштанд.

**9,4** Дар оятҳои 4-14 Павлус дар хусуси ҳаққи расулонаи худ ба ёрмандии молиявӣ сухан меронад. Чун фиристодаи Худованд Исо, Павлус ба инъоми молиявӣ аз тарафи масеҳиён ҳақ дошт. Аммо вай на ҳамеша ба ин ҳаққи худ исрор мекард. Вай аксаран бо дастони худ меҳнат карда, хайма месохт, то ки имкони ба одамон озодона мавъиза намудани Хушхабарро дошта бошад. Бешубҳа, мунаққидони вай аз ин истифода бурда, тахмин карданд, ки вай аз боиси расули ҳақиқӣ набуданаш таъминоти моддиро қабул намекунад. Вай ин мавзуъро бо савол сар мекунад: *«Оё мо ҳаққи хӯрдан ва нӯшидан надорем?»* – яъне магар мо ҳақ надорем барои таъминоти худ меҳнат накунем? Оё мо ҳаққи таъминоти моддиро аз Ҷамоат надорем?

**9,5** *Оё ҳақ надорем, ки мисли расулони дигар ва бародарони Худованд ва Кифо хоҳареро ба занӣ гирифта, ҳамроҳи худ барем?* Шояд, баъзе мунаққидони Павлус чунин меҳисобиданд, ки вай зан нагирифт, зеро медонист, ки Ҷамоат ҳеҷ гоҳ вайро бо занаш ба таъминоти моддии худ намегирад. Петрус, расулони дигар *ва бародарони Худованд* зандор буданд. Ин ҷо расул изҳор мекунад, ки айнан ҳамин гуна ҳаққи зан гирифтан ва аз таъминоти моддии масеҳиён барои худ ва зани худ истифода бурданро дорад. Ифодаи *«хоҳареро ба занӣ гирифта, ҳамроҳи худ барем»* на танҳо ба ҳаққи зан гирифтан, балки ба ҳаққи дар таъминоти моддии Ҷамоат зистан дахл дорад. *Бародарони Худованд* – аз афташ, бародарони ҳамхун

ё амакбачаҳои Ӯ мебошанд. Як худи ҳамин матн ин масъаларо ҳал намекунад, агарчи дар ҷойҳои дигари Навишта гуфта шудааст, ки Марям баъди Исо, Нахустзодаи худ, боз фарзандони дигар дошт (Луқ. 2,7; ниг. Мат. 1,25; 12,46; 13,55; Марқ. 6,3; Юҳ. 2,12; Ғал. 1,19).

**9,6** Аз афташ, *Барнаббо,* ба монанди Павлус Хушхабарро мавъиза карда, барои таъмини эҳтиёҷоти моддии худ кор мекард. Павлус мепурсад: Наход онҳо *ҳақ надоранд кор накунанд,* то фарзандони Худо дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кунанд?

**9,7** Дар аввал расул ба дигар расулон ишорат намуда, даъвои худро ба таъминоти моддӣ тақвият медиҳад. Акнун вай аз соҳаи фаъолияти одам далел меорад. Сарбоз дар лашкар *бо харҷи худаш* хизмат намекунад. Аз шахсе ки ток шинондааст, интизор намешаванд, ки ба *ангураш* умедвор намешавад. Ниҳоят, аз чӯпон талаб намекунанд, ки *рамаро* чаронда, аз *шири* он нахӯрад. Хизмати масеҳиёна ба ҷанг, кишоварзӣ ва ҳаёти чӯпонӣ монанд аст. Вай аз мубориза бо душман, ғамхорӣ дар хусуси дарахтони мевадори Худо ва ҳамчун чӯпон дар байни гӯсфандони Ӯ хизмат кардан иборат аст. Агар дар ин шуғлҳои заминӣ ҳаққи маош эътироф карда шавад, пас хизмат ба Худованд бояд то чӣ андоза бештар аз он қадр карда шавад!

**9,8** Сипас Павлус ба Аҳди Қадим рӯ оварда, аз он далелҳои минбаъдаи статуси худро меоварад. Оё барои исбот машғулиятҳои дунявиро – ҷанг, кишоварзӣ ва чӯпониро истифода бурдани вай лозим аст? Оё Навишта *низ инро намегӯяд?*

**9,9** Дар Такрори Шариат 25,4 возеҳан гуфта шудааст, ки даҳони *барзаговеро,* ки *хирман мекӯбад,* набояд баст. Яъне ба ҳайвоне ки дар ҳосилғундорӣ кор мекунад, бояд имкон дод, ки қисме аз ҳосилро хӯрад. *Оё Худо дар фикри барзаговон аст?* Худо дар бораи барзаговон ғамхорӣ мекунад, аммо аз эҳтимол дур аст, ки вай ин суханонро дар Аҳди Қадим ба хотири ҳайвонҳои бешуур навишта бошад. Ин ҷо принсипи рӯҳоние ҳаст, ки мо бояд дар зиндагӣ ва хизмати худ ба кор барем.

**9,10** *Ё албатта, барои мо гуфта шудааст?* Ҷавоб «ҳа» аст. Маҳз дар хусуси беҳбудии мо ҳангоми *навиштани* ин сатрҳо фикр карда шудааст. *Шудгоркунанда* бояд бо умеди ягон подош *шудгор кунад.* Айнан ҳамин тавр, ҳангоме ки одам *хирман мекӯбад,* ҳақ дорад *умед* кунад, ки қисме аз ҳосилро подош мегирад. Хизмати масеҳиёна шудгор ва хирманкӯбиро ба хотир меорад, ва Худо гуфтааст, ки шахсоне ки ин хизматро ба ҷо меоваранд, набояд онро аз ҳисоби худ кунанд.

**9,11** Павлус мегӯяд, ки вай дар масеҳиёни Қуринтус *чизҳои рӯҳониро коштааст.* Дигар хел карда гӯем, вай ба Қуринтус омада, ба қуринтиён ҳақиқатҳои гаронбаҳои рӯҳониро мавъиза намуд. Оё хеле зиёд хоҳад буд, агар онҳо дар навбати худ қисмеро аз пулҳо ё дигар чизҳои *ҷисмонӣ* ба вай подош бидиҳанд? Далели вай ин ҷо чунин аст: «Арзиши подоше ки ба воиз дода мешавад, хеле камтар аз он аст, ки вай додааст. Неъматҳои моддӣ дар муқоиса бо неъматҳои рӯҳонӣ арзиши ночиз доранд».

**9,12** Павлус медонист, ки ҷамоати Қуринтус воизон ва муаллимони *дигарро* аз ҷиҳати моддӣ таъмин мекард. Масеҳиён уҳдадориҳои худро нисбати онҳо эътироф менамуданд, аммо на нисбати Павлус, ва аз ин сабаб вай мепурсад: *«Агар дигарон назди шумо ҳақ дошта бошанд, оё ҳаққи мо зиёдтар нест?»* Агар қуринтиён ҳаққи дигаронро ба таъминоти моддӣ эътироф мекарда бошанд, чаро онҳо намехоҳанд эътироф кунанд, ки вай, падари онҳо аз рӯи имон, ҳамчунин ин ҳақро дорад? Бешубҳа, баъзеи онҳое ки таъминоти моддӣ мегирифтанд, муаллимони яҳудият буданд. Павлус илова мекунад, ки агарчи вай чунин *ҳақ* дошт, вай онро аз қуринтиён истифода набурд, балки ба ҳама чиз тоқат мекард, *то ба Инҷили Масеҳ монеае нагузорад.* Ба ҷои он ки ҳаққи худро ба таъминоти моддӣ талаб кунад, вай ба ҳамаи вазниниҳо ва маҳрумиятҳо тоқат мекард, то ба Хушхабар халал нарасонад.

**9,13** Сипас Павлус ходимони парастишгоҳи яҳудиро мисол меоварад, ки низ дар таъминоти моддӣ мебошанд. Онҳое ки вазифаҳои расмии вобаста ба хизмати парастишгоҳро ба ҷо меоварданд, аз ҳисоби даромади парастишгоҳ таъминоти моддӣ доштанд. Ба ин маъно онҳо *аз ибодатгоҳ мехӯрданд.* Ҳамчунин худи коҳиноне ки *хизмати қурбонгоҳро мекарданд,* қисми муайянеро – *ҳиссае аз қурбонгоҳ* мегирифтанд. Дигар хел карда гӯем, ҳам ба левизодагон, ки дар парастишгоҳ вазифаҳои ҳаррӯза доштанд, ва ҳам ба коҳинон, ки вазифаҳои муқаддастар доштанд, барои хизматашон як хел подош медоданд.

**9,14** Ниҳоят, Павлус амри возеҳи Худи *Худовандро* меоварад. Ӯ *фармудааст, ки воизони Инҷил аз Инҷил зиндагӣ кунанд.* Танҳо ҳамин аллакай далели ниҳоии ҳаққи Павлус ба гирифтани таъминоти моддӣ аз қуринтиён аст. Аммо дар ин ҳол саволе ба миён меояд: чаро вай ба ин исрор намекард? Ҷавоб дар оятҳои 15-18 дода шудааст.

**9,15** Вай мефаҳмонад, *ки аз онҳо ҳеҷ якеро истифода накардааст,* яъне ба ҳаққи худ исрор накардааст. *Ва* ҳозир инро на барои он *навиштааст,* ки онҳо ба вай пул фиристанд. Барои вай *мурдан* беҳтар аст аз он ки касе *фахри* вайро *нест кунад.*

**9,16** Павлус мегӯяд, ки наметавонад аз он *фахр* кунад, ки Хушхабарро мавъиза мекунад. Ин *кори зарурӣро* ба вай Худо вогузор кардааст. Вай ин шуғлро барои худ интихоб накардааст. Ба вай ин вазифаро супурданд, ва агар вай ин супориши илоҳиро ба ҷо намеоварад, ҳақиртарини одамон мебуд. Ин маънои онро надорад, ки расул Хушхабарро мавъиза карданӣ набуд; дар ҳолати додашуда қарори мавъиза карданро на худи вай, балки Худованд қабул карда буд.

**9,17** Азбаски расул Павлус *ихтиёрӣ* мавъиза мекард, вай мебоист барои ин хизмат *мукофот* мегирифт, яъне ҳаққи таъминоти моддӣ. Ҳам дар Аҳди Қадим ва ҳам дар Аҳди Нав возеҳан гуфта мешавад, ки хизматгорони Худо аз халқи Худо ёрмандии моддӣ гирифта метавонанд. Ин ҷо Павлус дар назар надорад, ки вай ғайри ихтиёри худ ба Худованд хизмат мекунад; вай фақат изҳор мекунад, ки расул будани вай водоркунандаи илоҳӣ дошт. Вай инро дар қисми охири оят такрор мекунад. Агар вай *ба таври ғайриихтиёрӣ* мавъиза мекарда бошад, яъне барои он ки аз дарун вайро оташе месӯзонд ва вай мавъиза накарда наметавонист, пас хизмат *ба зиммаи* вай *гузошта шудааст.* Вай шахсе буд, ки мувофиқи фармон амал мекард, ва бинобар ин наметавонист аз ин фахр кунад.

Ҳама эътироф мекунанд, ки ояти 17 мураккаб аст, аммо ба ҳар ҳол маънои он, аз афташ, чунин аст: Павлус ҳақ дорад, ки қуринтиён ӯро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд, аммо ӯ аз ин ҳаққи худ истифода намебарад, чунки ин хизматро худаш интихоб накардааст. Дасти Худо вайро ба ин кор овард. Муаллимони дурӯғин дар Қуринтус метавонистанд ба ёрмандии моддии муқаддасон иддао кунанд, аммо расул Павлус мукофоти худро дар ҷои дигар хоҳад ҷуст.

Дар тарҷумаи Нокс ин оят чунин садо медиҳад: «Ман барои он чи бо интихоби худ мекунам, даъвои мукофот карда метавонам; аммо ҳангоме ки аз рӯи маҷбурият амал менамоям, ман ҳамагӣ супоришро иҷро мекунам».

Райрӣ тафсир медиҳад:

*Павлус аз вазифаи мавъиза намудани Хушхабар саркашӣ карда наметавонист, чунки ин хизмат (вазифа) ба вай вогузор шуда буд, ва вай ба фармони мавъиза кардан итоат мекард, агарчи ба вай музд намедоданд (муқ. бо Луқ. 17,10).*[29]

**9,18** Агар вай аз мавъиза кардан фахр карда наметавониста бошад, пас вай аз чӣ фахр карда метавонист? Аз он чи ихтиёхоби худи вай буд, яъне: аз он ки вай *дар бораи Масеҳ бемузд башорат медиҳад.* Вай худаш дар хусуси ин қарор қабул кард. Вай ба қуринтиён Хушхабарро мавъиза намуда, дар айни замон барои рӯзгузаронӣ худаш мустақилона музд пайдо мекард, то дар *башоратдиҳандагӣ* аз ҳаққе ки ба таъминоти моддӣ дорад, истифода набарад.

Далелҳои дар ин ҷо зикршудаи расулро ҷамъбаст карда, зикр менамоем, ки вай байни ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ ҳад мегузорад. Дар мавъизаи вай берағбатӣ тамоман нест. Вай онро бо хурсандӣ мекард. Аммо дар айни замон ин вазифаи бузург ба вай вогузор шуда буд. Бинобар ин вай аз иҷрои ин вазифа фахр карда наметавонист. Хушхабарро мавъиза намуда, вай метавонист исрор кунад, ки ӯро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд, аммо вай инро намекард; вай қарор дод, ки ба қуринтиён *бемузд* мужда диҳад. Ва азбаски ин хости худи вай буд, вай метавонист аз ин фахр кунад. Чунон ки мо тахмин кардем, мунаққидони Павлус изҳор менамуданд, ки Павлус аз сабаби расули ҳақиқӣ набуданаш касби хаймасозиро пеша кардааст. Ин ҷо Павлус мегӯяд, ки худаш барои рӯзгузаронӣ музд ба даст меорад ва бо ҳамин исбот мекунад, ки расул будани вай, бо вуҷуди ин, ҳаққонист. Дар асл он хусусияти воло ва олиҳимматона дорад.

**9,19** Дар оятҳои 19 то 22 Павлус худро чун мисол барои ба хотири Хушхабар аз ҳуқуқҳои қонунӣ даст кашидан меоварад. Ин фаслро омӯхта, дар хотир доштан муҳим аст:

Павлус ин ҷо дар назар надорад, ки ягон вақт принсипҳои муҳими Навиштаро ба қурбонӣ оварда бошад. Вай чунин намеҳисобид, ки барои ба даст овардани мақсад ҳамаи воситаҳо хубанд. Дар ин оятҳо вай дар бораи он чизҳое сухан меронад, ки аҳамияти ахлоқӣ надоранд. Вай бо таомул ва одатҳои одамоне ки ҳамроҳашон кор мекард, мутобиқ мешуд, то имкон дошта бошад гӯшҳоеро пайдо кунад, ки ба шунидани Хушхабар ҳозиранд. Аммо вай ҳеҷ гоҳ ба чизе роҳ намедод, ки вайро ба созишкорӣ бо ҳақиқати инҷилӣ маҷбур кунад.

Аз як тараф, вай *аз ҳама озод* буд. Ҳеҷ кас вайро маҷбур карда наметавонист, ҳеҷ кас бар вай қудрат надошт. Аммо ба ҳар ҳол вай худро барои ҳамаи одамон сарф намуд, то ки *шумораи бештари онҳоро ҷалб намояд.* Агар вай ҳақиқати илоҳиро қурбон накарда, гузашт карда тавонад, вай инро барои ба назди Масеҳ овардани ҷонҳо мекард.

**9,20** *Барои яҳудиён* вай *чун яҳудӣ шуд, то ки яҳудиёнро ҷалб намояд.* Ин наметавонад маънои онро дошта бошад, ки вай ба хотири наҷот ёфтани яҳудиён худро аз нав ба шариати Мусо тобеъ кард. Маънои ҳақиқии ин оят дар он амалҳое зоҳир мегардад, ки Павлус дар алоқамандӣ бо хатна намудани Тимотиюс ва Титус кард. Дар мавриди Титус одамоне ёфт шуданд, ки исрор мекарданд, гӯё вай бе хатна наҷот ёфта наметавонад. Павлус дарк мекард, ки онҳо зидди Хушхабари файзи Худо баромад мекунанд, бинобар ин қатъиян зидди он буд, ки Титус хатна карда шавад (Ғал. 2,3). Аммо дар мавриди Тимотиюс, аз афташ, чунин масъалаҳо ба миён намеомаданд. Бинобар ин расул бо майлу рағбат эътироф намуд, ки агар ин барои васеътар паҳн намудани Хушхабар ёрӣ мерасонда бошад, Тимотиюс бояд хатна карда шавад (Аъм. 16,3).

*Барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам,*[30] *то ки аҳли шариатро ҷалб намоям. Аҳли шариат* яҳудиёнанд. Аммо дар қисми якуми оят Павлус аллакай гуфта буд, ки бо яҳудиён сарукор дошт. Пас чаро вай такрор мекунад? Аксаран инро чунин шарҳ медиҳанд, ки ҳангоме вай дар қисми якуми оят дар хусуси яҳудиён мегӯяд, вай расму русуми миллии онҳоро дар назар дорад, дар ин ҷо бошад вай ба ҳаёти динии онҳо дахл мекунад.

Ин ҷо эзоҳи мухтасаре даркор аст. Ҳамчун яҳудӣ, Павлус чун аҳли шариат зода шуда буд. Вай бо иҷрои шариат ҳусни таваҷҷуҳи Худоро ноил шуданӣ буд, аммо пай бурд, ки ба иҷро кардани он тавон надорад. Шариат фақат нишон дод, ки вай то чӣ андоза гуноҳкориислоҳнашаванда аст, ва вайро пурра маҳкум кард. Тадриҷан вай фаҳмид, ки шариат роҳи наҷот нест, балки усулест, ки Худо ба воситаи он ба одам гуноҳкорӣ ва ба Наҷотдиҳанда муҳтоҷ будани вайро нишон медиҳад. Сипас Павлус ба Худованд Исои Масеҳ таваккал кард ва, инро карда, аз садои маҳкумкунандаи шариат озод шуд. Ҷазоро барои вайрон кардани шариат Худованд Исо дар салиби Ҷолҷолто ба дӯши худ гирифт.

Баъди бозгашт намудан расул фаҳмид, ки шариат на роҳи наҷот ва на он қоидаҳоест, ки масеҳиён бояд мувофиқи онҳо зиндагӣ кунанд. Масеҳӣ на таҳти шариат, балки таҳти файз зиндагӣ мекунад. Ин маънои онро надорад, ки вай метавонад ҳар кори мехостагияшро кунад. Ин ҷо, аниқтараш, дар назар дошта шудааст, ки маънои ҳақиқии файзи Худо вайро ҳатто аз хоҳиши кардани ягон кори зидди шариат нигоҳ медорад. Дар масеҳӣ Рӯҳулқудс сокин аст, ки вайро ба дараҷаи нави рафтор мебардорад. Акнун вай на аз тарси ҷазо барои вайрон кардани шариат, балки аз сабаби муҳаббат ба Масеҳ, ки барои вай мурд ва зинда шуд, муқаддасона зистан мехоҳад. Ҳангопме ки шахс таҳти шариат буд, водоркунандаи рафтори ӯ тарс буд, аммо таҳти файз водоркунандаи рафтори вай муҳаббат аст. Муҳаббат назар ба тарс водоркунандаи баландтарест. Одамон аз рӯи муҳаббат корҳоеро мекунанд, ки аз рӯи тарс ҳеҷ гоҳ намекарданд.

Арнот мегӯяд:

*Худо ҷонҳоро бо ҳамон усуле ки Ӯ сайёраҳоро дар мадорҳояшон нигоҳ медорад, дар итоат нигоҳ медорад, – ба озодӣ сар дода. Ҳеҷ гуна занҷире дида намешавад, ки ин оламҳои нурафшон ба он баста шуда бошанд, то аз марказ парида нараванд. Онҳоро принсипи нонамоёне нигоҳ медорад. Ва маҳз ҳамин робитаи нонамоёни муҳаббат – муҳаббат ба Худованд, ки онҳоро бозхарид намуд, одамони бозхаридшударо нигоҳ медорад, то онҳо ҳушёр, росткорона ва тақводорона зиндагӣ кунанд.*[31]

Инро дар ёд дошта, биёед ба қисми охири ояти 20 бармегардем. *Барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам, то ки аҳли шариатро ҷалб намоям.* Ҳангоме ки Павлус дар байни

яҳудиён буд, дар ҷое ки аҳамияти ахлоқӣ надошт, вай чун яҳудӣ рафтор мекард. Масалан, вай ҳамон чизеро мехӯрд, ки яҳудиён мехӯрданд, ва аз хӯрдани гӯшти хук, ки барои онҳо мамнуъ буд, худдорӣ мекард. Эҳтимол, Павлус дар рӯзҳои шанбе ба кор даст намезад, зеро мефаҳмид, ки бо чунин рафтор вай миқдори бештари одамонро, ки Хушхабарро шунидан мехоҳанд, ҷалб карда метавонад.

Расул Павлус аз олами боло дар Исои Масеҳ зода шуда буд, ва шариат, чун қоидаи зиндагӣ, аллакай болои сари вай вазнинӣ намекард. Вай фақат ба урфу одатҳои одамон мутобиқ мешуд, то ки онҳоро ба назди Худованд оварад.

**9,21** Райрӣ менависад:

*Ин ҷо Павлус на дурӯягӣ, балки интизомнокии қатъии доимиро нишон медиҳад, то ки ба ҳар гуна одамон хизмат кунад. Чунон ки селоби дар маҷрои танг ҷорӣ мешуда аз ботлоқи нопайдоканор пурзӯртар аст, озодии маҳдуд низ шаҳодатро дар хусуси Масеҳ боварибахштар мекунад.*[32]

*Барои бешариатон* Павлус чун *бешариат* рафтор мекард (агарчи вай *пеши Худо бешариат* набуд, *балки аз аҳли шариати Масеҳ* буд). *Бешариатон* – на исёнкорон ва роҳзанонанд, ки ҳеҷ гуна қонунро эътироф намекунанд, балки номи умумии ғайрияҳудиён аст. Шариат на ба ғайрияҳудиён, балки ба яҳудиён дода шуда буд. Ҳамин тариқ, ҳангоме ки Павлус дар байни ғайрияҳудиён буд, ба қадри имкон мувофиқи одатҳо ва ҳиссиёти онҳо рафтор мекард, ва дар айни замон ба Наҷотдиҳанда содиқ буд. Расул фаҳмонд, ки ҳатто чун *бешариатон* рафтор намуда, бо вуҷуди ин, вай *пеши Худо бешариат* набуд. Вай чунин намеҳисобид, ки ҳар коре ки хоҳад, карда метавонад, *балки аз аҳли шариати Масеҳ* буд. Дигар хел кард гӯем, вай мебоист Худованд Исоро дӯст медошт ва эҳтиром мекард, ба вай хизмат мекард ва писанд меомад, аммо акнун на мувофиқи шариати Мусо, балки мувофиқи шариати муҳаббат. Вай тобеи шариати Масеҳ буд. Дар забони англисӣ зарбулмасале ҳаст: «Ҳангоме ки ту дар Рум ҳастӣ, чун румиён рафтор кун». Павлус ин ҷо мегӯяд, ки ҳангоме вай ҳамроҳи ғайрияҳудиён буд, вай ба тарзи зиндагии онҳо то андозае мутобиқ мешуд, ки ин корро карда, ба Масеҳ содиқ мемонд. Аммо мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ин ҷо сухан на дар хусуси таълимот ва ахлоқ, балки дар хусуси фарқҳои фарҳангӣ меравад.

**9,22** Дар ояти 22 дар хусуси *нотавонон,* ё онҳое ки аз ҳад зиёд хурдагир ҳастанд, гуфта мешавад. Ин гуна одамон дар масъалаҳое ки аҳамияти бунёдӣ надоранд, бисёр ҳассосанд. *Барои нотавонон* Павлус *чун нотавон*[33] шуд, *то ки* онҳоро *ҷалб* намояд. Агар лозим шавад, вай гӯшт намехӯрд, то ки гӯштнахӯрандагонро бо хӯрдани гӯшт наранҷонад. Хулласи калом, Павлус *барои ҳама кас ҳама чиз* шуд, *то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот* диҳад. қурбон намудани принсипҳои Навиштаро бо ин оятҳо сафед кардан ҳеҷ мумкин нест. Ин оятҳо фақат ба урфу одатҳои одамон мутобиқ шуданро нишон медиҳанд, ба хотири он ки онҳо Хушхабари наҷотро бишнаванд. Ҳангоме ки Павлус *«то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам»* мегӯяд, вай лаҳзае ҳам дар назар надорад, ки худаш метавонад касеро наҷот диҳад, зеро мефаҳмад, ки танҳо Худованд Исо наҷот дода метавонад. Дар айни замон қобили зикр аст, ки муждабарони Масеҳ то андозае ки Ӯ ба онҳо имкон медиҳад, ба Ӯ ҳамонанд мешаванд, то кори мекардаашонро бо феъли *«наҷот додан»* ифода намоянд. То чӣ андоза ин чиз хизмати мавъизаи Хушхабарро олиҳимматона ва муаззам мегардонад!

Оятҳои 23-27 дар хусуси хатари аз боиси нарасидани интизомнокӣ аз мукофот маҳрум шудан мегӯянд. Барои Павлус аз таъминоти моддии қуринтиён даст кашидан шакли интизомнокии сахт буд.

**9,23** *Инро ман барои Инҷил мекунам, то ки шарики он бошам.* Дар оятҳои пешина Павлус тасвир мекард, ки чӣ гуна вай ҳуқуқ ва хоҳишҳои худро ба кори Худованд тобеъ кард. Чаро вай инро кард? Вай инро барои *Инҷил* кард, *то* ҳуқуқ дошта бошад, ки дар рӯзи меомада тантанаи Хушхабарро ҳамроҳ бинад.

**9,24** Ҳангоме ки Павлус суханони ояти 24-ро менавишт, вай, бешубҳа, бозиҳои Истмиягиро, ки дар наздикии Қуринтус гузаронда мешуданд, ба ёд овард. Масеҳиёни Қуринтус ин мусобиқаҳои варзиширо хуб медонистанд. Павлус ба онҳо ёдрас мекунад, ки агарчи бисёриҳо *дар майдони мусобиқа медаванд,* на ҳама *мукофот мегиранд.* Ҳаёти масеҳиёна ба мусобиқа монанд аст. Он интизомнокиро талаб мекунад. Он саъю кӯшишҳои шиддатнокро талаб мекунад. Он иродаи мустаҳками ба

мақсад расиданро талаб мекунад. Аммо оят дар назар надорад, ки дар мусобиқаи масеҳӣ танҳо як нафар мукофот мегирад. Вай онро таълим медиҳад, ки ҳамаи мо бояд ба марра чун ғолибон оем. Ҳамаи мо бояд он фидокориеро омӯзем, ки худи расул Павлус дошт. Ин ҷо, албатта, тухфа на наҷот, балки мукофот барои хизмати вафодорона аст. Дар ҳеҷ ҷой гуфта намешавад, ки наҷот натиҷаи вафодории мо дар ин мусобиқа аст. Наҷот тухфаи Худост ба воситаи имон ба Худованд Исои Масеҳ.

**9,25** Акнун Павлус аз мусобиқаи давидан ба мусобиқаи гӯштингирӣ мегузарад. Вай ба хонандагон ёдрас мекунад, ки ҳамаи *риёзаткашон,* ё иштирокчиёни бозиҳои варзишӣ худро дар ҳама чиз назорат мекунанд. Гӯштингир боре аз тренер пурсид: «Наход ки май нӯшида, сигарет кашида, вахтхушӣ карда, боз ҳам гӯштингирӣ кардан мумкин набошад?» Тренер ҷавоб дод: «Мумкин аст, аммо ғолиб омадан мумкин нест!» Павлус дар хусуси иштирокчиёни мусобиқа фикр карда, ғолибро мебинад, ки пеш мебарояд, то мукофоти худро гирад. Он чӣ гуна аст? Он *тоҷи фонӣ* мебошад – гулчанбар ё чанбаре аз баргҳо, ки баъди муддати кӯтоҳе хушк мешаванд. Аммо Павлус онро ба *тоҷи ғайрифонӣ* монанд мекунад, ки бо он шахсоне мукофотонида мешаванд, ки ба Масеҳ вафодорона хизмат карда буданд.

*Мо ба Ту сипосгузорем*
*барои тоҷи ҳаёт ва ҷалол.*
*Тоҷе ки на чанбари пажмурдашавандаи заминӣ аст,*
*мукофоти муборизаи марговар.*
*Тоҷе ки ҷовидонӣ ва вайроннашаванда аст,*
*чун тахт, чун Подшоҳии Худои мо,*
*чун Писари одамшудаи Ӯ!*

Ҳорасий Бонар

**9,26** Ин тоҷи ғайрифониро дар пеш дида, Павлус изҳор мекунад, ки *медавад на он тавре ки беҳуда бошад, ва мушт мезанад на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад.* Хизмати вай бе мақсад ва бесамар набуд. Вай дар назди худ мақсади аниқ муайяншударо медид ва мехост бо ҳар як рафтори худ ба он наздик шавад. Вақт ва қувваро беҳуда сарф кардан мумкин нест. Расул аз ҳадаф бархато задан намехост.

**9,27** Ба ҷои ин вай *ҷисми худро* интизомнок намуда, онро *ғулом мегардонд, то ба дигарон мавъиза намуда, худаш маҳрум набошад.* Дар ҳаёти масеҳиёна худназоратӣ, эътидол, интизомнокӣ даркор аст. Мо бояд идора кардани худро омӯзем.

Расул Павлус имконияти даҳшатовари баъди *ба дигарон мавъиза намудан маҳрум* монданро дарк менамуд. Дар хусуси маънои ин оят бисёр баҳсу мунозираҳо буданд. Баъзеҳо дар он таълимотеро мебинанд, ки гӯё одам ба наҷот ноил шуда, баъд онро аз даст дода метавонад. Ин албатта ба таълимоти умумии Аҳди Нав дар хусуси он ки ҳеҷ кадом барра ҳалок нахоҳад шуд, мухолиф аст.

Дигарон мегӯянд, ки калимае ки чун *маҳрум*[34] тарҷума шудааст, – калимаи хеле муҳим аст, ки ба лаънати абадӣ дахл дорад. Аммо онҳо ин оятро чунин тафсир мекунанд: Павлус ин ҷо таълим намедиҳад, ки шахси аллакай наҷотёфта маҳрум буда метавонад; вай фақат мегӯяд, ки касе ки худро интизомнок карда натавонист, ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буд. Дар хусуси муаллимони дурӯғин, ки ҳар гуна майли рағбатро узрнок меҳисобиданд, фикр карда, Павлус принсипи умумиро пешкаш мекунад: агар одам ҷисми худро дар итоат нигоҳ надорад, ин исботи он аст, ки дар асл вай аз нав зода нашуда буд, ва агарчи вай, шояд, ба дигарон мавъиза мекунад, худаш маҳрум хоҳад монд.

Маънидоди сеюм чунин аст: Павлус ин ҷо на дар хусуси наҷот, балки дар хусуси хизмат сухан меронад. Вай имконияти на аз наҷот маҳрум шуданро, балки ба тафтиши хизмати худ тоб наовардан, рад шудан ва мукофот нагирифтанро дар назар дорад. Ин тафсир ба маънои калимаи «маҳрум» (калимаи нусхаи аслии юнонӣ маънои «таҳсиннашуда»-ро дорад) ва ба қаринаи матни мусобиқаи варзишӣ мувофиқат мекунад. Павлус имконияти даҳшатовари онро дарк мекард, ки *ба дигарон мавъиза намуда,* худаш метавонад рад шуда, барои хизмат ба Худованд нолоиқ шавад.

Дар ҳар ҳол ин порча хеле ҷиддист ва ҳар касеро, ки ба Худованд Исо хизмат карданист, бояд маҷбур созад, то ба умқи дили худ назар андозад. Ҳар кас бояд барои худ интихобе кунад, то ки мувофиқи марҳамати Худо ҳеҷ гоҳ маънои ин калимаро дар таҷрибаи худ нафаҳмад.

Оиди зарурати худназоратӣ андеша намуда, Павлус ба таърихи исроилиён бармегардад. Дар боби 10 вай ба ёд меорад, ки

исроилиён хоҳишҳои худро ҷилавгирӣ накарда, ба мутеъ кардани ҷисми худ бепарвоёна муносибат мекардагӣ шуданд, ва бинобар ин нолоиқ гардида, аз ҳусни таваҷҷуҳи Худо маҳрум ва рад шуданд.

Пеш аз ҳама вай дар хусуси имтиёзҳои Исроил мегӯяд (о. 1-4), сипас дар хусуси ҷазои Исроил (о. 5) ва, ниҳоят, дар хусуси сабабҳои фурӯ ғалтидани Исроил (о. 6-10). Пас аз ҳама вай мефаҳмонад, ки ин ба мо чӣ хел дахл дорад (о. 11-13).

**10,1** Расул ба қуринтиён ёдрас мекунад, ки *падарони* яҳудӣ ҳа*ма дар зери абр буданд, ва ҳама аз баҳр гузаштанд.* Задаи маъноӣ ба калимаи «ҳама» гузошта мешавад. Вай фикран ба хуруҷи яҳудиён аз Миср бармегардад, ба он ки чӣ гуна онҳоро рӯзона сутуни *абр* ва шабона сутуни оташ роҳнамоӣ мекард. Вай ба он бармегардад, ки онҳо аз баҳри Қулзум гузаштанд ва ба биёбон рафтанд. Ба маънои имтиёзҳо ба ҳамаи онҳо роҳнамоии Худо ва халосии Худо дода шуда буд.

**10,2** Ба ғайр аз ин, *ҳама дар абр ва дар баҳр ба Мусо таъмид ёфтанд. Ба Мусо таъмид ёфтан* – яъне худро ба вай ҳамонанд кардан ва роҳбарии вайро эътироф кардан аст. Ҳангоме ки Мусо халқи Исроилро аз Миср ба замини ваъдашуда мебурд, тамоми халқ дар вафодорӣ ба Мусо қасам хӯрда, вайро роҳбари аз олами боло интихобшуда эътироф намуд. Ифодаи «зери абр», эҳтимол, рамзи якшавии онҳо бо Худост, ва ифодаи «аз байни баҳр» тасвири ҷудошавӣ аз Миср.

**10,3** Онҳо ҳа*ма аз як ғизои рӯҳонӣ мехӯрданд.* Ин ба манн дахл дорад, ки ба халқи Исроил ҳангоми дар биёбон роҳ паймуданаш ба таври муъҷизаосо дода шуда буд. Ибораи *«ғизои рӯҳонӣ»* маънои онро надорад, ки хӯрок ғайримоддӣ буд. Он ҳамчунин маънои номаёён ва ғайривоқеиро надорад. Не, *«рӯҳонӣ»* маънои онро дорад, ки хӯроки моддӣ тимсол ё тасвири хӯроки рӯҳонӣ буд, ва муаллиф пеш аз ҳама воқеияти рӯҳониро дар назар дорад. Ин ҷо ҳамчунин фикре дар хусуси он буда метавонад, ки хӯрок ба онҳо ба таври ғайритабиӣ дода шуда буд.

**10,4** Дар давоми тамоми роҳи онҳо Худо ба таври муъҷизаосо ба онҳо барои нӯшидан об медод. Ин оби ҳақиқӣ буд, аммо он боз ҳам *нӯшокии рӯҳонӣ* номида шудааст ба он маъно ки тимсоли барқароркунии рӯҳонии қувва буда, ба таври муъҷизаосо дода шуда буд. Агар Парвардигор ба онҳо об намедод, онҳо борҳо аз ташнагӣ мурда метавонистанд. *«Аз кӯҳпораи рӯҳоние менӯшиданд, ки аз ақибашон меомад»* маънои кадом як санги ҳақиқиро надорад, ки онҳоро дар роҳ ҳамроҳӣ мекард. *Кӯҳпора* маънои дарёро дорад, ки аз он ҷорӣ шуда, аз пайи исроилиён мерафт. *«Ва он кӯҳпора Масеҳ буд»* – ба он маъное ки Ӯ Оне буд, ки ба онҳо кӯҳпораро дод, ва оне буд, ки рамзи Ӯ буда, оби ҳаётро ба халқи Худо дод.

**10,5** Ҳамаи ин имтиёзҳои ба Исроил тааллуқдоштаро зикр карда, расул бояд ҳозир ба қуринтиён ёдрас кунад, ки *аз аксари* исроилиён *Худо хушнуд набуд; зеро ки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд.* Тамоми Исроил Мисрро тарк кард, ва ҳама шаҳодат дода буданд, ки бо дилу ҷон ҳамроҳи пешвои худ Мусо мебошанд. Аммо дар ин нақл он чиз андӯҳовар аст, ки агарчи худи онҳо дар биёбон буданд, дилҳояшон ҳанӯз дар Миср буданд. Онҳо барои озодии ҷисмонӣ аз ғуломии фиръавн шод буданд, аммо ҳанӯз ҳам ҳаловатҳои гуноҳолуди ин кишварро орзу мекарданд. Аз ҳамаи сарбозони аз бистсола калонтар, ки аз Миср рафта буданд, фақат ду нафар – Колеб ва Юшаъ ибни Нун мукофот гирифтанд: онҳо ба замини ваъдашуда даромаданд. Ҷасадҳои дигарон дар замини *биёбон* чун нишонаи норозигии Худо хобида буданд.

Ба муқобилгузории калимаҳои *«ҳама»* дар чор ояти аввал ва *аксар* дар ояти 5 аҳамият диҳед. Ба ҳамаи онҳо имтиёзҳо ато шуда буданд, аммо *аксари онҳо* ҳалок шуданд.

Годет ҳайрон мешавад:

*Чӣ манзараеро расул пеши назари қуринтиёни худписанд овард: ҳамаи ин ҷисмҳое ки аз об ва нӯшокии муъҷизавӣ сер мегаштанд, акнун дар замини биёбон хобидаанд.*[35]

**10,6** Дар ҳодисаҳое ки ҳангоми Хуруҷ ба амал омадаанд, мо насиҳатеро бароямон мебинем. Халқи Исроил барои мо чун *намунае* буд, ки нишон медод бо мо чӣ мешавад, агар мо *бадиро орзу кунем, чунон ки онҳо орзу мекарданд.* Аҳди Қадимро хонда, мо набояд бо он фақат чун бо таърих муносибат кунем; бояд дар ёд дошт, ки он дорои дарсҳоест, ки имрӯзҳо ҳам дар ҳаёти мо арзиши амалӣ доранд.

Дар оятҳои оянда расул баъзе гуноҳҳои мушаххасеро номбар кардааст, ки исроилиён содир кардаанд. Қобили зикр аст, ки бисёрии

ин гуноҳҳо ба ҷилавгирӣ накардани ҳавасҳои ҷисм вобастаанд.

**10,7** Ояти 7 парастидани гӯсолаи тилло ва базмеро зикр мекунад, ки баъди он буд, чунон ки дар Хуруҷ 32 навишта шудааст. Ҳангоме ки Мусо аз кӯҳи Сино фаромад, дид, ки халқ гӯсолаи тилло сохта, ба он саҷда мекунад. Дар Хуруҷ 32,6 мо мехонем, ки *қавм ба хӯрдану нӯшидан нишастанд, ва барои рақсу бозӣ бархестанд.*

**10,8** Гуноҳе ки дар ояти 8 зикр шудааст, моро ба замоне меорад, ки писарони Исроил аз духтарони Мӯоб ба худ зан мегирифтанд (Ад. 25). Бо иғвои пайғамбар Билъом онҳо каломи Худоро вайрон карда, ба зинокорӣ дода шуданд. Мо дар ояти 8 мехонем, ки *дар як рӯз бисту се ҳазор нафарашон нобуд шуданд.* Дар Аҳди Қадим гуфта мешавад, ки бисту чор ҳазор нафар мурданд (Ад. 25,9). Мунаққидони Навиштаҳои Муқаддас аксаран ин оятро чун далели он мееоранд, ки дар Навиштаи Муқаддас ихтилофот ҳастанд. Агар онҳо матнро бодиққаттар мехонданд, медиданд, ки ихтилоф нест. Ин ҷо гуфта мешавад, ки *дар як рӯз* бисту се ҳазор нафар мурданд. Дар Аҳди Қадим рақами бисту чор ҳазор ба миқдори умумии ба ҳалокат расидагон мувофиқат мекунад.

**10,9** Сипас Павлус ба ёд меорад, ки чӣ тавр исроилиён аз боиси хӯрок норозигӣ баён карда, ба некӯии Парвардигор шубҳа менамуданд. Дар ин ҳангом Худо ба онҳо *морҳоро* фиристод, ва бисёриҳо ҳалок шуданд (Ад. 21,5.6). Дар ин ҷо он чиз қобили таваҷҷуҳ аст, ки шикампарастии онҳо боиси фурӯ ғалтиданашон гардид.

**10,10** Дар ин ҷо гуноҳи Қӯраҳ, Дотон ва Абиром дар назар дошта шудааст (Ад. 16,14-47). Онҳо боз як бор дар масъалаи таъмини хӯрок бар зидди Худо шикоят карданд (Ад. 16,14). Исроилиҳо ҳаловатҳои ҷисмонии худро ҷилавгирӣ намекарданд. Онҳо ҷисмро мутеъ намекарданд ва онро дар итоат нигоҳ намедоштанд. Ба ҷои ин онҳо ҳавасҳои ҷисмро қонеъ мегардонданд, ки ин боиси ҳалокати онҳо гардид.

**10,11** Се ояти оянда дар хусуси истифодаи амалии ин ҳодисаҳо сухан меронанд. Пеш аз ҳама, Павлус мефаҳмонад, ки аҳамияти ҳодисаҳои зикршуда бо арзиши таърихияшон маҳдуд намешавад. Онҳо имрӯзҳо ҳам барои мо аҳамият доранд. Онҳо барои он *навишта шудаанд,* то моро, ки дар давраи баъд аз яҳудият дар замони Хушхабар зиндагӣ мекунем, моро, ки ба қавли Рендол Ҳаррис, «тамоми дороии асрҳои гузашта ба мо гузаштааст», огоҳӣ диҳанд.

**10,12** Ин ҷо огоҳкуние ба худбоварон ҳаст: *ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад.* Эҳтимол, ин ба шахсони дар имон устувор дахл дорад, ки ба фикрашон онҳо метавонанд андаке ба ҳавою ҳавас дода шаванд ва ҳеҷ гапе намешавад. Ба ин гуна одам хатари бузурги аз дасти ҷазодиҳандаи Худо ҳалок шудан таҳдид мекунад.

**10,13** Сипас Павлус барои васвасашавандагон суханони аҷоиби дилбардорӣ мегӯяд. Вай таълим медиҳад, ки озмоишҳо ва васвасаҳо, ки мо бо онҳо рӯ ба рӯ мешавем, барои ҳама *одӣ* ҳастанд. Аммо *бовафо аст Худое* ки *намегузорад берун аз қуввати худ озмуда* шавем. Ӯ аз васваса ё озмоиш озод карданро ба мо ваъда намедиҳад, аммо ваъда медиҳад, ки қувваи онро маҳдуд мекунад. Сипас Ӯ ваъда медиҳад, ки ба мо *сабукӣ медиҳад, то* мо *ба васваса тоб оварда тавонем.* Ин оятро хонда, аз тасаллои азиме ки Ӯ дар тули асрҳо ба муқаддасони аз озмоишҳо мегузашта меовард, ҳайрон нашудан ғайриимкон аст. Онҳое ки нав имон оварда буданд, онро чун банди наҷотдиҳанда дошта меистоданд, барои онҳое ки ботаҷрибатар буданд, он чун болишт оромӣ ва истироҳат меовард. Шояд, баъзе хонандагони Павлусро дар ин вақт васвасаи ба бутпарастӣ дода шудан азоб медод. Павлус онҳоро тасалло дода, мегуфт, ки Худо имкон намедиҳад, то васвасаи тоқатнопазир пеши роҳи онҳоро гирад. Дар айни ҳол онҳоро огоҳӣ додан лозим буд, ки худро ба васваса андохтан мумкин нест.

**10,14** Аз 10,14 то 11,1 Павлус боз ба мавзуи қурбониҳои бутҳо бармегардад. Аввал вай масъалаеро таҳлил мекунад, ки оё барои масеҳӣ дар базмҳое ки дар буткадаҳо баргузор мегарданд, иштирок кардан равост ё не (о. 14-22).

*Хуллас, эй азизонам, аз бутпарастӣ гурезед.* Шояд, барои масеҳиёни қуринтӣ ба базми бутпарастона даъват шудан озмоиши ҳақиқӣ буд. Баъзеҳо метавонистанд чунин ҳисобанд, ки аз васваса болотаранд. Шояд, онҳо мегуфтанд, ки агар ба он ҷо фақат як бор раванд, ҳеҷ гапе намешавад. Аммо расул маслиҳати дорои илҳоми илоҳӣ медиҳад, ки *аз бутпарастӣ*

*гурезанд*. Вай таҳқиқ намудани он, беҳтар шинос шудан ё ба он ҷиддӣ муносибат накарданро пешниҳод намекунад. Бояд ба тарафи муқобил гурехт.

**10,15-16** Павлус медонад, ки ба одамони бофаҳм муроҷиат мекунад, ки суханони вайро фаҳмида метавонанд. Дар ояти 16 вай Шоми Худовандро ёдрас мекунад. Пеш аз ҳама вай мегӯяд: *«Оё косаи баракат, ки онро баракат медиҳем, шарик шудан ба хуни Масеҳ нест?»* Ибораи *«косаи баракат»* ба *косаи* май дар Шоми Худованд дахл дорад. Ин коса дар хусуси баракати бузургтарине мегӯяд, ки ба воситаи марги Масеҳ ба мо фурӯд омадааст; бинобар ин вай *косаи баракат* номида шудааст. Ҷумлаи пайрави *«ки онро баракат медиҳем»* маънои «ки барои он шукргузорӣ мекунем»-ро дорад. Ҳангоме ки мо ин косаро гирифта, ба лабҳо наздик мебарем, бо ҳамин мегӯем, ки ба ҳамаи эҳсонҳое ки аз хуни Масеҳ ҷорӣ мешаванд, шарик ҳастем. Бинобар ин, мо ин оятро ба таври зайл баён карда метавонем:

*«Косае ки дар хусуси баракатҳои бузургтарини ба воситаи марги Худованд Исо ба мо додашуда мегӯяд, он косае ки барояш шукргузор ҳастем, – оё он шаҳодати ин нест, ки ҳамаи имондорон шарикони меҳрубониҳои маҳфуз дар хуни Масеҳ мебошанд?»*

Худи ҳамин нисбати *ноне ки пора мекунем,* нисбати нони Шоми Худованд дуруст аст. Ҳангоме ки мо нон мехӯрем, мо бо ҳамин мегӯем, ки ба воситаи дар салиби Ҷолҷолто қурбон шудани Бадани Ӯ наҷот ёфтаем ва бинобар ин ҳамаи мо узвҳои Бадани Ӯ ҳастем. Ҳам коса ва ҳам нон баёнгари мушоракат бо Масеҳ ва иштирок дар хизмати пуршарафи Ӯ барои мо мебошанд.

Чаро дар ин оят Хун аввал зикр шудааст, дар ҳоле ки ҳангоми таъсиси Шоми Худованд нон аввал зикр шуда буд? Шояд, Павлус ин ҷо дар хусуси пайдарҳамии ҳодисаҳое мегӯяд, ки моро ба ҷамоати масеҳӣ дохил мекунанд. Одатан навимон арзиши хуни Масехро пеш аз дарк кардани ҳақиқат дар хусуси Бадани ягона мефаҳмад. Ҳамин тариқ, оят метавонад он пайдарҳамиеро баён кунад, ки мо наҷотро мувофиқи он мефаҳмем.

**10,17** Ҳамаи масеҳиён ва *мо низ, ки бисёрем,* дар Масеҳ *як тан ҳастем,* ки бо *як нон* ифода ёфтааст. *Ҳамаамон аз як нон ҳиссае мегирем* ба он маъно ки ҳамаамон қисмеро аз баракатҳое дорем, ки ба василаи қурбонӣ шудани бадани Масеҳ ба мо ато шудаанд.

**10,18** Павлус дар ин оятҳо мегӯяд, ки иштирок дар шомхӯрии Худованд рамзи мушоракат бо Ӯст. Худи ҳаминро метавон дар хусуси исроилиёне гуфт, ки *қурбониҳоро* мехӯрданд, – онҳо шарикони қурбонгоҳ буданд. Ин, бешубҳа, ба қурбонии осоиш дахл дорад. Одамон қурбониҳоро ба парастишгоҳ меоварданд. Қисми ҳадяҳо дар қурбонгоҳ сӯзонда мешуд; қисми дигарро коҳин мегирифт; аммо қисми сеюм ба қурбоникунанда ва дӯстони вай бозгардонда мешуд. Онҳо дар худи ҳамон рӯз аз қурбонӣ мехӯрданд. Павлус таъкид мекунад, ки шахсоне ки қурбониро мехӯрданд, худро бо Худо ва бо халқи Исроил, хулоса бо ҳамаи он чи *қурбонгоҳ* мегуфт, ҳамонанд мекарданд.

Аммо ин бо порчае аз Навиштаҳо, ки мо меомӯзем, чӣ дахле дорад? Ҷавоб хеле сода аст. Чунон ки иштирок дар Шоми Худованд аз мушоракат бо Худованд, ва хӯрдани қурбонии осоиш дар хусуси мушоракати исроилӣ бо қурбонгоҳи Худо шаҳодат медиҳанд, ҳамчунин хӯрдани қурбониҳо дар парастишгоҳи бут дар хусуси мушоракат бо бутҳо мегӯяд.

**10,19** *Пас ман чӣ гӯям? Оё ин ки дар қурбонии бут ё худи бут ягон чизе ҳаст?* Оё Павлус бо ҳамаи ин гуфтанист, ки гӯшти ба бутҳо қурбонӣ овардашуда сифатҳои худро дигар мекунад? Оё вай гуфтанист, ки бут воқеист, мешунавад, мебинад ва қудрат дорад? Албатта, ҷавоби ҳар дуи ин саволҳо не аст.

**10,20** Дар асл Павлус таъкид карданист, ки *он чи* бутпарастон *қурбонӣ мекунанд, ба девҳо қурбонӣ мекунанд*. Бо кадом як тарзи асроромез бутпарастӣ бо девҳо алоқаманд аст. Бутҳоро истифода бурда, девҳо дилҳо ва ақлҳои шахсонеро, ки ба онҳо саҷда менамоянд, идора мекунанд. Иблис яктост – шайтон, аммо девҳо – фиристодагон ва ҳамкори вай – бисёранд. Павлус илова мекунад: *«Лекин ман намехоҳам, ки шумо бо девҳо шарик бошед»*.

**10,21** *Шумо наметавонед ҳам косаи Худовандро нӯшед, ҳам косаи девҳоро; наметавонед ҳам дар дастархони Худованд иштирок кунед, ҳам дар дастархони девҳо*. Дар ин оят *косаи Худованд* ибораи маҷозист, ки баракатҳои ба воситаи Масеҳ ба мо додашударо ифода мекунад. Инро метонимия (киноя)

меноманд, ки дар он, масалан, зарф барои ифодаи он чи дар дохилаш ҳаст, истифода мешавад. Ибораи *«дастархони Худованд»* ҳамчунин маҷозист. Ин бо Шоми Худованд як нест, агарчи онро дар бар гирифта метавонад. Дар назди дастархон нишаста, мо на танҳо хӯрок мехӯрем, балки аз мушоракат баҳра мебарем. Ин ҷо *дастархони* Худованд гуфта тамоми он баракатҳое дар назар дошта шудаанд, ки мо дар Масеҳ аз онҳо баҳра мебарем.

Ҳангоме ки Павлус чунин мегӯяд: *«Шумо наметавонед ҳам косаи Худовандро нӯшед, ҳам косаи девҳоро; наметавонед ҳам дар дастархони Худованд иштирок кунед, ҳам дар дастархони девҳо»,* вай дар назар надорад, ки ин табиатан имконнопазир аст. Масалан, масеҳӣ метавонист ба буткада рафта, дар базм иштирок кунад. Аммо ин ҷо Павлус онро дар назар дорад, ки ин аз нуқтаи назари ахлоқӣ номувофиқ аст. Садоқат ва вафодорӣ ба Худовандро изҳор намуда, баъд аз он рафта мушоракат кардан бо касоне ки ба бутҳо қурбонӣ меоваранд, бевафоӣ ва хиёнат аст. Ин ахлоқан номувофиқ буда, тамоман нодуруст аст.

**10,22** Зиёда аз ин, чунин рафтор кардан – *рашки Худовандро барангехтан* аст. Чунон ки Вилям Келлӣ гуфтааст, *«муҳаббат ба дилбастагиҳои тасодуфӣ рашк накарда наметавонад; агар онро бевафоӣ ба хашм наорад, пас он муҳаббат нест».*[36] Масеҳӣ бояд аз ин гуна ба хашм овардани Худованд ё боиси ғазаби одилонаи Ӯ шудан тарсад. Ё шояд ба мо чунин менамояд, ки *аз Ӯ пурзӯртарем?* Яъне оё мо натарсем, ки Ӯро андӯҳгин карда, хатари ҷазои падаронаи Ӯро ба сари худ оварем?

**10,23** Аз мавзуи иштирок дар базмҳои бутпарастона расул ба принсипҳои умумӣ рӯ меоварад, ки масеҳӣ бояд дар ҳаёти ҳаррӯза онҳоро риоя кунад. Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки *ҳама чиз равост,* вай дар назар надорад, ки комилан ҳама чиз. Масалан, вай тамоман дар назар надорад, ки касеро куштан ё бадмастӣ кардан равост. Ин ҷо мо бояд боз фаҳмем, ки ин суханон ба чизҳое дахл доранд, ки аҳамияти ахлоқӣ надоранд. Дар ҳаёти масеҳиёна бисёр чизҳое ҳастанд, ки худ аз худ комилан ҷоиз мебошанд, аммо бо ким-кадом сабабҳои дигар иштироки масеҳӣ дар онҳо оқилона нест. Инак, Павлус мегӯяд: *«Ҳама чиз барои ман равост, аммо на ҳама чиз фоиданок аст».* Масалан чизе метавонад барои масеҳӣ комилан раво бошад ва дар айни ҳол аз нуқтаи назари урфу одатҳои миллии одамоне ки вай дар байнашон зиндагӣ мекунад, нораво бошад. Ба ғайр аз ин, чизе ки худ аз худ равост, метавонад ибратбахш набошад. Оё дар ин маврид ҳавобаландона ҳуқуқи худро талаб кардан лозим аст, ё дар бораи он чи ба бародари ман дар Масеҳ нафъ меоварад, фикр кардан беҳтар аст?

**10,24** Новобаста ба он ки чӣ гуна қарорҳо қабул мекунем, мо набояд худпарастона дар бораи он чи барои худи мо хуб аст, фикр кунем; беҳтараш дар бораи он чи ба ёри мо *фоида* меоварад, фикр кунем. Принсипҳое ки мо дар ин ҷо меомӯзем, ба пӯшок, нӯшокиҳо, тарзи зиндагӣ ва вақтхушиҳое дахл доранд, ки мо дар онҳо иштирок мекунем.

**10,25** Агар масеҳӣ ба *бозор* барои харидани гӯшт мерафт, аз вай талаб карда намешуд, то аз фурӯшанда пурсад, ки оё ин гӯшт қурбонии бутҳо буд ё не. Ин факт ба гӯшт таъсире нарасондааст, ва ин ҷо ҳатто масъалае нест, ки оё ин бо вафодорӣ ба Масеҳ мувофиқат мекунад ё не.

**10,26** Ин маслиҳатро шарҳ дода, Павлус ба Забур 23,1 муроҷиат мекунад: *«Замин ва ҳар он чи дар он аст, аз они Худованд аст».* Ин ҷо фикре мавҷуд аст, ки хӯроки мехӯрдаамонро Худованд меҳрубонона ба мо додааст ва он маҳз барои ғизои мост. Ҳейнрич мегӯяд, ки ин суханонро аз Забур 23 яҳудиён аксаран чун дуои шукрона барои ғизо истифода мебаранд.

**10,27** Сипас Павлус ҳолатеро дида мебарояд, ки боиси саволҳои шахси масеҳӣ буда метавонад. Фарз мекунем, ки шахси беимон масеҳиро ба хонаваш ба зиёфат *даъват менамояд.* Оё масеҳӣ ин гуна даъватро қабул карда метавонад? Ҳа. Агар шуморо ба зиёфат ба хонаи беимон даъват карда бошанд ва шумо рафтан хоҳед, метавонед *хӯред, ва ба хотири виҷдон ҳеҷ тафтиш накунед.*

**10,28** Агар ҳангоми хӯрокхӯрӣ масеҳии дигаре ки он ҷо ҳозир аст ва виҷдони нотавон дорад, ба шумо гӯяд, ки гӯшти мехӯрдаатон *қурбонии бут аст,* оё лозим аст онро бихӯред? Не. Шумо набояд ин корро кунед, чунки бо ин рафторатон метавонед вайро ба рафтори нодуруст водор кунед ва ё ба виҷдонаш бирасед. Ҳамчунин он вақт низ набояд хӯред, ки ин барои беимон садди роҳи қабул кардани Худованд мегардад. Дар охири ояти 28 Павлус боз

ҳам Забур 23,1-ро ёдрас мекунад: *«Замин ва ҳар он чи дар он аст, аз они Худованд аст».*[37]

**10,29** Дар ҳолати тасвиршуда шумо аз хӯрдани қурбонии бут на аз он сабаб бояд худдорӣ кунед, ки виҷдонатон инро роҳ намедиҳад. Шумо, чун масеҳӣ, пурра ҳақ доред ин гӯштро хӯред. Аммо бародари нотавоне ки дар наздатон нишастааст, аз боиси ин азоби *виҷдонро* ҳис мекунад, бинобар ин шумо бояд виҷдони вайро ҳурмат намуда, аз хӯрдан худдорӣ намоед.

Саволи *«Чаро виҷдони каси дигар бар озодии ман доварӣ кунад?»-ро* ин тавр баён кардан мумкин аст:

*«Чаро ман бояд худпарастона ҳаққи худро барои хӯрдани гӯшт зоҳир намоям, агарчи медонам, ки инсофи каси дигар маро барои ин маҳкум хоҳад кард? Оё ба ман лозим аст, то инсофи вай озодии маро маҳкум кунад? Чаро бояд роҳ дод, ки дар хусуси некӯии ман бадгӯӣ кунанд?»* (ниг. Рум. 14,16).

Оё пораи гӯшт он қадар муҳим аст, то аз боиси он бародарро дар Худованд Исои Масеҳ ранҷонам? (Аммо бисёр тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки Павлус ин ҷо эътирози қуринтиёнро меоварад ё саволи риторикӣ медиҳад, то дар оятҳои оянда ба он ҷавоб диҳад.)

**10,30** Аз афташ, расул ин ҷо мегӯяд, ки ба Худо *шукргузорӣ* карда, дар айни замон ба бародар дард расонидан мухолифатнок ба назар мерасад. Худро аз ҳаққи қонунӣ маҳрум намудан беҳтар аз он аст, ки барои он чи дигаронро ба *бадгӯӣ* дар ҳаққи ту водор мекунад, Худоро шукр бигӯӣ. Вилям Келлӣ тафсир мекунад: «Беҳтараш худро рад кунӣ, то ки озодии туро каси дигар маҳкум накунад, назар ба ин ки роҳ диҳӣ, то туро барои шукргузорӣ карданат сарзаниш намоянд». Озодии худро барои васваса кардан истифода бурдан чӣ лозим аст? Чаро он кореро кунем, ки нодуруст маънидод хоҳанд кард ё таҳқири муқаддасот ё рафтори шармовар хоҳанд ҳисобид?

**10,31** Дар ҳаёти масеҳиёна моро бояд ду қоидаи асосӣ роҳнамоӣ кунанд: якум – *ҷалоли Худо,* дуюм – хайрияти ёрони мо. Павлус қоидаи якумро чунин тасвия медиҳад: *«Хуллас, хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред».* Масеҳиёни ҷавонро аксаран лозим меояд қарор қабул кунанд, ки амале ё рафторе барояшон дуруст аст ё не. Инак принсипи хуб: Оё Худо бо ин амал ҷалол дода мешавад? Оё пеш аз кардани ин кор сарро ҳам карда хоҳиш карда метавонед, то Худованд Исо ба воситаи ин рафтори шумо ҷалол ёбад?

**10,32** Қоидаи дуюм – хайрияти ёрони мост. Мо бояд *на яҳудиёнро ба васваса андозем, на юнониёнро, на Ҷамоати Худоро.* Ин ҷо Павлус ҳамаи одамонро ба се синф ҷудо мекунад. *Яҳудиён* албатта, халқи Исроил аст. *Юнониён* ғайрияҳудиёни бозгаштнакарда мебошанд, дар ҳоле ки *Ҷамоати Худо* ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки ба Худованд Исои Масеҳ имони самимӣ доранд. Ба як маъное, агар мо ба дигарон дуруст шаҳодат диҳем, маҷбурем барояшон сабабгори васваса гардида, боиси хашми онҳо шавем. Аммо ин ҷо на дар ин бора сухан меравад. Расул, аниқтараш, *васвасаи* нодаркорро дар назар дорад. Вай моро аз чунин истифода бурдани ҳуқуқҳои қонунии худ огоҳӣ медиҳад, ки он боиси пешпохӯрии дигарон мегардад.

**10,33** Павлус софдилона гуфта метавонад, ки кӯшиш мекунад *дар ҳар бобат дили ҳамаро ёбад, ва толиби нафъи худ не, балки нафъи касони бисёр* ҳаст, *то ки онҳо наҷот ёбанд.* Шояд, кам касон чун расул Павлус чунин фидокорона барои дигарон зистаанд.

**11,1** Ояти якуми боби 11, эҳтимол, ба боби 10 беҳтар мувофиқат мекунад. Павлус ҳозиракак дар хусуси он мегуфт, ки кӯшиш мекард рафтори худро аз он ҷиҳат тафтиш кунад, ки онҳо ба дигарон чӣ таъсире мерасонанд. Акнун вай ба қуринтиён пешниҳод мекунад, ки *ба вай тақлид кунанд, чунон ки* вай *ба Масеҳ тақлид мекунад.* Вай аз манфиати шахсӣ ва ҳуқуқҳо даст кашид, то ба атрофиён ёрӣ расонад. Қуринтиён низ бояд ҳамин тавр рафтор кунанд, на ин ки аз озодии худ истифода бурда, боиси халал ба муждаи Масеҳ шаванд ё сабабгори васвасаи бародари нотавон гарданд.

### В. Дар хусуси пӯшиши сар барои занон (11,2-16)

Мавзуи оятҳои 2-16-уми ин боб пӯшиши сар барои занон аст. Дар қисми дуюми боб дар хусуси суиистеъмолҳое сухан меравад, ки ба Шоми Худованд дахл доранд (о. 17-34). Дар хусуси қисми якуми боби 11 муноқишаҳои

зиёде буданд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин насиҳатҳо фақат ба замони Павлус дахл доранд. Дигарон боз ҳам дуртар рафта, чунин меҳисобанд, ки ин оятҳо ақидаи нодурусти Павлусро нисбати занон ифода мекунанд, чунки вай муҷаррад буд. Баъзеҳо ин таълимро, чунон ки ҳаст, қабул мекунанд, ва кӯшиш мекунанд ба нишондодҳои он итоат кунанд, ҳатто агар онҳоро то охир нафаҳманд ҳам.

**11,2** Пеш аз ҳама расул қуринтиёнро барои он таҳсин мегӯяд, ки вайро дар ҳар хусус дар хотир доранд ва *ривоятҳоро, ончунон ки ба онҳо супоридааст, нигоҳ медоранд. Ривоятҳо* ин ҷо на ҳикояҳо ва достонҳо мебошанд, ки аз насл ба насл нақл карда мешаванд. Ҳамчунин ин калима наметавонад маънои анъанаҳо ва одатҳоеро дошта бошад, ки он вақт дар Ҷамоат аллакай ҷорӣ шуда буданд. *Ривоятҳо* гуфта насиҳатҳои дорои илҳоми илоҳӣ дар назар дошта шудаанд, ки расул Павлус ба қуринтиён додааст.

**11,3** Ин ҷо Павлус гуфторро дар хусуси пӯшиши сар барои занон сар мекунад. Насиҳатҳои вай дар он факт асос ёфтаанд, ки ҳар як ҷамъияти ба низом даромада бар ду сутун меистад – ҳокимият ва итоат ба ин ҳокимият. Бе риояи ин ду принсип ҷамъият муътадил фаъолият карда наметавонад. Павлус дар хусуси се муносибати байниҳамдигарӣ мегӯяд, ки ҳокимият ва итоатро дар бар мегиранд. Аввалан, *сари ҳар мард Масеҳ аст;* Масеҳ Худованд аст, ва мард ба Ӯ тобеъ аст. Сониян, *сари зан мард аст;* сардорӣ ба шавҳар дода шудааст, зан бошад ба ҳокимияти вай итоат мекунад. Сеюм, *сари Масеҳ Худост;* ҳатто дар Шахсияти сегонаи Худо як Шахсият идора мекунад, дигарӣ бошад ихтиёрӣ итоат мекунад. Ин намунаҳои сардорӣ ва итоатро Худи Худо муқаррар намудааст ва онҳо таҳкурсие мебошанд, ки олам бар он асос ёфтааст.

Бояд махсусан зикр намуд, ки итоат маънои мавқеи пасттарро надорад. Масеҳ ба Худо Падар итоат мекунад, аммо Ӯ аз Худо Падар пасттар нест. Ҳамчунин зан низ аз мард пасттар нест, агарчи ба вай тобеъ аст.

**11,4** *Ҳар марде ки сари пӯшида дуо гӯяд ё пайғамбарӣ кунад, сари худро,* яъне Масеҳро *расво мекунад.* Ҳамин тариқ, ин ҷо дар хусуси он гуфта шудааст, ки мард Масеҳро *сари худ* эътироф намекунад, ин бошад беҳурматии сахт аст.

**11,5** *Ва ҳар зане ки сари нопӯшида дуо гӯяд ё пайғамбарӣ кунад, сари худро,* яъне шавҳарашро *расво мекунад.* Зан бо ин рафтораш мегӯяд, ки сардориеро, ки Худо ба шавҳараш додааст, эътироф наменамояд ва ба вай итоат намекунад.[38]

Агар дар Навиштаҳои Муқаддас ин ягона ояте дар хусуси ин мавзуъ мебуд, аз он бармеомад, ки агар сари зан бо рӯймол ё бо чизи дигар пӯшида бошад, вай метавонад дар ҷамъомад дуо кунад ва пайғамбарӣ намояд. Аммо дар дигар ҷойҳо Павлус таълим медиҳад, ки дар ҷамъомад занҳо бояд хомӯш бошанд (1Қур. 14,34), ва онҳо набояд ба мард таълим диҳанд ё бар вай қудрат дошта бошанд, балки бояд хомӯш бошанд (1Тим. 2,12).

Умуман то ояти 17 дар хусуси ҷамъомадҳо чизе гуфта намешавад, пас насиҳатҳоро дар хусуси пӯшиши сар дар оятҳои 2-16 бо хизматгузории ҷамоатӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Онҳо дар ҳар як мавриде ки зан дуо мегӯяд ё пайғамбарӣ мекунад, қобили истифодаанд. Дар хизматгузории ҷамоатӣ зан дар дилаш (беовоз) дуо мегӯяд, чунки 1Тим. 2,8 танҳо ба мард иҷозат медиҳад, ки дар пеши умум дуо гӯяд. Дар ҳолатҳои дигар зан бо овози шунаво ё дар дилаш дуо мегӯяд. Ҳангоми ба занҳои дигар (Тит. 2,3-5) ё ба кӯдакон дар мактаби якшанбегӣ таълим додан вай пайғамбарӣ мекунад.

**11,6** *Агар зан сари худро напӯшонад,* пас вай метавонад *мӯяшро низ қайчӣ кунад. Агар барои зан қайчӣ кардан ё тарошидани мӯяш шармовар бошад,* пас вай бояд *сари худро пӯшонад.* Сари напӯшонидаи зан ба монанди сари бемӯй нанговар аст. Расул ин ҷо назди сартарош рафтанро зарур намеҳисобад, вай, аниқтараш, дар хусуси он чизе мегӯяд, ки мураттабии ахлоқӣ талаб мекунад.

**11,7** Дар оятҳои 7-10 Павлус таълим медиҳад, ки занҳо бояд ба мардҳо итоат кунанд, ва барои тасдиқ ба айёми офариниш рӯ меоварад. Ин водор мекунад тамоман аз ақидае даст кашем, ки пӯшиши сар барои занҳо талаботи фарҳанги он замон буда, ба замони мо дахл надошта бошад. Сардории мард ва итоати зан тартибест, ки Худо аз худи аввал муқаррар намудааст.

Пеш аз ҳама, мард *сурат ва ҷалоли Худост,* дар ҳоле ки *зан ҷалоли мард аст.* Ин маънои онро дорад, ки мард бар замин чун

намояндаи Худо гузошта шудааст, то ки онро дар тасарруф дошта бошад. Сари напӯшидаи мард бе сухан дар хусуси ин шаҳодат медиҳад. Ба зан ҳеҷ гоҳ нақши роҳбарикунанда дода нашуда буд; ба ҷои ин *вай ҷалоли мард аст* ба он маъно, ки ба қавли В. Е. Вайн, *«ҳокимияти мардро назаррас мекунад»*.[39]

*Хуллас, мард набояд* ҳангоми дуо *сари худро пӯшонад;* ин баробари он хоҳад буд, ки вай *ҷалоли* Худоро пинҳон мекунад, ва чунин рафтор Бузургии Илоҳиро таҳқир мекунад.

**11,8** Сипас Павлус ба мо ёдрас мекунад, ки *на мард аз зан* офарида шуда буд, *балки зан аз мард.* Аввал мард офарида шуд, сипас аз як қисми вай зан офарида шуд. Ин бартарии мард далелҳои расулро дар хусуси сардории мард тақвият медиҳад.

**11,9** Фикрро пурра равшан кардани шуда, расул боз як бор дар хусуси мақсади офариниш мегӯяд. *Ва на мард* пеш аз ҳама *барои зан офарида шудааст, балки,* аниқтараш, *зан барои мард.* Парвардигор дар Ҳастӣ 2,18 аниқ ифода намудааст: «Хуб нест, ки одам танҳо бошад; пас барояш мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, офарем».

**11,10** Азбаски зан дар вазъияти тобеият аст, *вай бояд бар сараш нишонаи ихтиёрро дошта бошад. Нишонаи ихтиёр* – пӯшиши сар аст, ки нишондиҳандаи итоати вай ба ҳукмронии шавҳар мебошад.

Чаро Павлус *«ба хотири фариштагон»*-ро илова мекунад? Мо тахмин мекунем, ки фариштагон ҳар ҳодисаи имрӯзҳо дар замин рӯй медодаро мебинанд, чунон ки ҳодисаҳои ҳангоми офариниш рӯйдодаро низ дида буданд. Ҳангоми офариниши аввал онҳо дида буданд, ки чӣ тавр зан ҳокимиятро бар мард ба даст гирифта буд. Вай қароре қабул кард, ки Одам мебоист қабул мекард. Дар натиҷаи ин ба ҷаҳон гуноҳ ворид шуд ва ба инсоният натиҷаҳои даҳшатовари худро овард. Худо намехоҳад, ки дар офариниши нав ин чиз такрор шавад. Вай мехоҳад, ки фариштаҳо ба поён нигариста, бинанд, ки зан ба мард итоат мекунад ва инро зоҳиран бо пӯшонидани сари худ нишон медиҳад.

Ин ҷо мо метавонем ист карда, зикр намоем, ки пӯшиши сар аломати берунист ва фақат ҳамон вақт арзиш дорад, ки он тасдиқи берунии ҳақиқати дарунӣ бошад. Дигар хел карда гӯем, зан метавонад сарашро пӯшонад, аммо дар айни ҳол ба шавҳараш итоат накунад. Дар ин ҳолат пӯшиши сар ҳеҷ маъное надорад. Аз ҳама муҳимаш боварӣ дар он аст, ки дил дар итоати ҳақиқист; он гоҳ пӯшиши сари зан низ маънои ҳақиқӣ пайдо мекунад.

**11,11** Павлус дар назар надорад, ки мард тамоман аз зан мустақил аст, бинобар ин илова мекунад: *«Лекин дар Худованд на мард бе зан аст, на зан бе мард»*. Дигар хел карда гӯем, марду зан ба ҳам вобастаанд. Онҳо ба ҳам даркоранд, ва ақидаи итоат мухолифи ақидаи вобастагии тарафайн нест.

**11,12** *Зан аз мард* офарида шудааст, яъне вай аз қабурғаи Одам офарида шудааст. Аммо Павлус ба он ишорат менамояд, ки *мард* низ *ба воситаи зан аст.* Бо ин вай раванди зода шуданро дар назар дорад. Зан ба кӯдаки ҷинси мард ҳаёт медиҳад. Ҳамин тариқ, Худо мувозинати комилро офаридааст, то нишон диҳад, ки онҳо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

*Ва ҳамаи ин аз Худост.* Ин маънои онро дорад, ки Худо бо қудрати Илоҳии Худ ҳ*амаи инро* чунин мураттаб намудааст, ва чунин тартиби ашёҳо ҳеҷ гуна норизоиро намепазирад. Ин муносибатҳо на танҳо аз Худо мебошанд, балки барои ҷалол додани Ӯ муқаррар шудаанд. Ва аз ҳамин сабаб мардон бояд хоксор, ва занҳо қаноатманд бошанд.

**11,13** Расул ба қуринтиён пешниҳод мекунад, то худашон *фикр кунанд,* ки *оё аз рӯи одоб аст, ки зан сари нопӯшида ба Худо дуо гӯяд.* Вай ба гувоҳии дили онҳо муроҷиат мекунад. Изҳори ақида карда мешавад, ки сари нопӯшида пеши Худо ворид шудани зан беэҳтиромона ва беадабона аст.

**11,14** Чӣ гуна *худи табиат* моро *таълим медиҳад,* ки мӯи худро дароз кардани мард нанговар аст, – на он қадар фаҳмост. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки мӯи мард ба таври табиӣ то андозаи мӯи зан дароз намешавад. Муйҳои дароз ба мард намуди занона медиҳанд. Дар аксари фарҳангҳо мӯи мардон аз мӯи занон кӯтоҳтар аст.

**11,15** Бисёриҳо ин оятро нодуруст мефаҳманд. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки азбаски мӯй ба зан *ба ҷои ҳиҷоб дода шудааст,* лозим нест, ки вай сарашро боз бо чизе пӯшонад. Аммо чунин таълим маънои ин порчаи Навиштаро вайрон мекунад. Маънои он тамоман чигил мешавад, агар эътироф накунем, ки дар

ин порча дар хусуси ду ҳиҷоб сухан меравад. Инро бо баргаштан ба ояти 6 нишон додан мумкин аст. Он ҷо мо мехонем: *«Агар зан сари худро напӯшонад, бигзор мӯяшро низ қайчӣ кунад»*. Мувофиқи маънидоди зикршуда ин чунин маъно дорад: «Агар зан мӯй надошта бошад, пас вай метавонад мӯяшро қайчӣ кунад». Аммо ин хандаовар аст. Агар вай мӯй надошта бошад, чӣ тавр вай мӯяшро қайчӣ карда метавонад?!

Дар асл ояти 15 мегӯяд, ки байни рӯҳонӣ ва табиӣ шабоҳати мушаххас ҳаст. Худо ба зан ҳиҷоби табиии *ҷалолро* додааст, ки ба мард надодааст. Маънои рӯҳонӣ дар ҳамин аст. Ин ҷо гуфта мешавад, ки зан ҳангоми дар дуо ба Худо муроҷиат намудан бояд дар сараш пӯшише дошта бошад. Он чи барои соҳаи табиӣ дуруст аст, барои соҳаи рӯҳонӣ низ бояд дуруст бошад.

**11,16** Расул ин мавзуъро бо чунин изҳорот анҷом медиҳад: *«Ва агар касе мунозира кардани бошад, мо ва ҷамоатҳои Худо чунин одат надорем»*. Оё, чунон ки тахмин мекунанд, Павлус дар назар дошт, ки гуфтаҳои вай на он қадар муҳиманд, то дар хусуси онҳо мунозира карда шавад? Оё вай дар назар дошт, ки занҳо одати дар ҷамоат пӯшонидани сарро надоштанд? Оё вай чунин меҳисобид, ки ин таълим ҳатмӣ нест ва онро чун амри Худованд ба занон илқо намудан лозим нест? Ҳайратовар аст, ки умуман чунин тафсирҳо пайдо мешаванд, аммо бо вуҷуди ин имрӯзҳо онҳоро шунида метавонем. Аз онҳо бармеояд, ки Павлус ин насиҳатҳоро дорои аҳамияти воқеӣ намеҳисобид ва бештар аз нисфи боби Навиштаи Муқаддасро беҳуда барои онҳо сарф кард!

Камаш ду маънидоди имконпазири ин оят ҳаст, ки ба қисми боқимондаи Навишта мувофиқат мекунад. Пеш аз ҳама расул метавонад дар хусуси он гӯяд, ки интизор аст ба ин гуфтаҳояш эътирозҳо шунавад, аммо илова мекунад: *мо чунин одат надорем,* яъне одати мунозира кардан дар хусуси ин масъала. Мо дар хусуси ин гуна чизҳо мунозира намекунем, балки чун таълимоти Худованд қабул мекунем. Тафсири дигар, ки Вилям Келлӣ ба он майл дорад, чунин аст: Павлус мегӯяд, ки *дар ҷамоатҳои Худо* чунин одате набуд, ки занон бо сари нопӯшида дуо гӯянд ё пайғамбарӣ кунанд.

## Г. Дар хусуси Шоми Худованд (11,17-34)

**11,17** Расул қуринтиёнро барои он сарзаниш мекунад, ки ҳангоме ки онҳо ҷамъ меомаданд, дар байни онҳо ихтилофот буданд (о. 17-19). Ба такрори ибораи «вақте ҷамъ мешавед» ё калимаҳои ба ин монанд аҳамият диҳед (11,17.18.20.33.34; 14,23.26). Дар ояти 2-юми ин боб Павлус аз маврид истифода бурд, то қуринтиёнро барои нигоҳ доштани ривоятҳои ба онҳо додашуда таҳсин гӯяд, аммо як коре буд, ки вай барои он наметавонист *таҳсин* кунад, ва ин ҷо дар хусуси он сухан меронад. Ҳангоме ки онҳо ба ҷамъомадҳо меомаданд, онҳо на барои *беҳтар кардан, балки барои бадтар кардан ҷамъ* мешуданд. Ин барои мо ёдраскунии муҳиме дар хусуси он аст, ки баъди хизматгузорӣ рафта, аз он на некиро, балки фақат бадиро берун овардан мумкин аст.

**11,18** *Аввалан,* сабаби сарзаниш *ҷудоиҳо*, ё *ихтилофот* буданд. Ин маънои онро надорад, ки гурӯҳҳо аз ҷамоат ҷудо шуданд ва ҷамоатҳои алоҳида ташкил карданд; аниқтараш, гурӯҳҳо ва фраксияҳо дар дохили ҷамоат вуҷуд доштанд. Ҷудоӣ мавҷудияти гурӯҳ дар дохил аст, фирқа бошад гурӯҳи дигаре берун аз Ҷамоат аст. Павлус ба ин хабарҳо дар хусуси ҷудоиҳо бовар карда метавонист, зеро медонист, ки қуринтиён ҷисмонӣ буданд; вай аллакай дар ин нома онҳоро барои ҷудоиҳо сарзаниш намуда буд.

Ф. Б. Ҳоул менависад:

*Павлус тайёр буд ақаллан ҷисман ба хабарҳо дар хусуси ҷудоиҳо дар Қуринтус бовар кунад, зеро медонист, ки ҳолати ҷисмонии қуринтиён имкон медод, то дар байни онҳо гурӯҳҳои ба ҳаққонияти худ боварӣ дошта мавҷуд бошанд. Ин ҷо Павлус дар асоси ҳолати онҳо амалҳои онҳоро тахмин мекунад. Чун вай медонист, ки онҳо ба ҳасби ҷисм ва аз рӯи қонунҳои инсонӣ зиндагӣ мекунанд, шубҳае надошт, ки онҳо ҳатман туъмаи майлони реша давондаи ақли инсонӣ мешаванд, то ақидаҳои устувори худро тасвия диҳанд ва дар асоси ин ақидаҳо гурӯҳҳо ташкил кунанд, ки ин, дар навбати худ, ба мухолифатҳо ва ҷудоиҳо мебарад. Вай ҳамчунин медонист, ки Худо метавонад бар беақлии онҳо дастболо шавад ва аз фурсат истифода бурда, онҳоеро аён намояд, ки сазовори ҳусни таваҷҷуҳи Ӯ ҳастанд, ва на ба ҳасби ҷисм, балки мувофиқи қонунҳои Рӯҳ*

*зиндагӣ мекунанд, ва дар натиҷа ба ҳамаи ин ҷудоиҳо хотима бахшад.*[40]

**11,19** Павлус пешакӣ тахмин мекард, ки ихтилофоти дар Қуринтус саршуда то дами хеле ҷиддитар шудан афзун шудан мегиранд. Агарчи умуман ин ба Ҷамоат зарари калон мерасонад, ҷиҳати хубӣ низ аён мешавад: *дар миёни* қуринтиён шахсони ҳақиқатан рӯҳонӣ *аён мешаванд,* ки аз ҷониби Худо *озмуда* шудаанд. Ҳангоме ки Павлус дар ин оят мегӯяд, ки *дар миёни шумо гуногунии ақидаҳо*[41] *низ бояд бошад,* ин маънои онро надорад, ки барои ин зарурати ахлоқӣ[42] ҳаст. Худо ҷудоӣ дар ҷамоатро намехоҳад. Аниқтараш, Павлус онро дар назар дорад, ки аз боиси ҳолати ҷисмонии қуринтиён пайдо шудани *гуногунии ақидаҳо* ногузир буд. Ҷудоиҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзеҳо нияти Худоро дарк кардан нахостанд.

**11,20** Сарзаниши дуюми Павлус бар зидди суиистифодаҳои бо Шоми Худованд алоқаманд равона карда шудааст. Ҳангоме ки масеҳиён барои Шоми Худованд ҷамъ меомаданд, рафтори онҳо чунон таассуфангез буд, ки Павлус маҷбур буд иқрор шавад, ки онҳо қобил нестанд мувофиқи гуфтаҳои Худованд Ӯро ёдбуд намоянд. Онҳо метавонистанд ҳамаи амалҳои зоҳириро ба ҷо оваранд, аммо рафтори онҳо ба ёдбуди ҳақиқии Худованд мухолифат мекард.

**11,21** Дар ибтидои масеҳият ҷамоатҳо ҳамроҳи Шоми Худованд «агапе»-ро, яъне иди муҳаббатро таҷлил мекарданд. Он чизе ба монанди хӯрокхӯрии умумӣ буд, ки дар рӯҳияи бародарӣ ва муҳаббат мегузашт. Дар охири иди муҳаббат масеҳиён бисёр вақт Худовандро бо нон ва май ёдбуд мекарданд. Аммо ба зудӣ дар ин ид суиистифодаҳо пайдо шуданд. Масалан, дар ояти додашуда дар назар дошта шудааст, ки ид маънои аслии худро гум кард. Масеҳиён на танҳо дар назди дастурхон ба якдигар хизмат намекарданд, балки сарватмандон хӯроки зиёд хӯрда ва дигаронро ба хӯрок шарик накарда, камбағалонро дар ҳолати ногувор мегузоштанд. Қисме *гурусна* ба хона мерафтанд, дар ҳоле ки дигарон тамоман *маст* мешуданд. Ва азбаски одатан Шоми Худованд баъди иди муҳаббат меомад, ҳангоми чашидани Шоми Худованд онҳо ҳанӯз маст буданд.

**11,22** Расул ин гуна рафтори нангинро бо қаҳру ғазаб маҳкум мекунад. Агар онҳо исроркорона ҳамин амалашонро давом доданӣ бошанд, бояд ақаллан дар он эҳтиром зоҳир намоянд, ки инро дар ҷамъомад дар *ҷамоати Худо* накунанд. Дар чунин вақт беҳазар рафтор намуда, бародарони камбағалро *хиҷолат* додан – бо имони масеҳӣ тамоман номувофиқ аст. Вай наметавонад муқаддасонро барои чунин амалҳо *таҳсин* кунад, ва бо ҳамин таҳсин накарданаш онҳоро сахт маҳкум мекунад.

**11,23** Барои нишон додани он ки рафтори онҳо то чӣ андоза бо маънои ҳақиқии Шоми Худованд номувофиқ аст, Павлус ба замони таъсиси он бармегардад. Вай ёдрас мекунад, ки ин хӯрокхӯрӣ ё иди одӣ набуд, балки муқаррароти муқаддаси Худованд аст. Павлус донишро дар хусуси Шом аз Худи *Худованд қабул кардааст* ва инро барои нишон додани он ёдрас мекунад, ки ҳама гуна вайронкорӣ беитоатист. Он чи вай баъдан таълим медиҳад, ба воситаи ваҳӣ қабул кардааст.

Пеш аз ҳама вай хотиррасон мекунад, ки чӣ гуна *Худованд Исо дар он шабе ки Ӯро таслим карданд, нонро гирифт.* Тарҷумаи таҳтуллафзӣ «вақте ки Ӯро таслим карда истода буданд» аст. Ҳангоме ки дар берун барои ба дасти ҳокимон таслим намудани Ӯ суиқасди разилона омода мегардид, Исои Худованд шогирдони Худро дар болохона ҷамъ намуда, *нонро гирифт.*

*Шаб* ба амал омадани ин воқеа маънои онро надорад, ки Шоми Худованд бояд фақат шабона иҷро гардад. Дар он замон барои яҳудиён ғуруб ибтидои рӯз буд. Рӯзи мо бо субҳ сар мешавад. Ба ғайр аз ин, бояд зикр кард, ки байни намунаи расул ва насиҳати расул фарқ ҳаст. Моро лозим нест ҳамаи он чиро, ки расулон мекарданд, кунем, лекин мо бояд ҳатман ҳамаи он чиро, ки онҳо таълим медоданд, иҷро намоем.

**11,24** Худованд Исо аввал нонро гирифт ва барои он ташаккур гуфт. Азбаски нон рамзи бадани Исо буд, Ӯ Худоро барои додани бадани инсонӣ шукр мегуфт, чунки метавонист бо он омада, барои гуноҳҳои ҷаҳон бимирад.

Ҳангоме ки Наҷотдиҳанда *«Ин Бадани Ман аст»* гуфт, оё Ӯ дар назар дошт, ки нон ҳақиқатан ба маънои аслӣ бадани Ӯ гардид? Догмаи румӣ-католикӣ дар хусуси табдилёбӣ таълим медиҳад, ки нон ва май ҳақиқатан ба Бадан ва хуни Масеҳ табдил меёбанд.

Доктринаи лютеранӣ дар хусуси ҳамҷинсшавӣ таълим медиҳад, ки хун ва бадани ҳақиқии Масеҳ дар даруни, ҳамроҳи ва паҳлуи май ва нони моддӣ дар рӯи миз меистанд.

Барои дар ин ақидаҳо сарфаҳм рафтан кофист ба хотир оварем, ки ҳангоме Худованд Исо бунёди ёдовариро гузошт, ҳанӯз бадани Худро надода буд ва хуни Худро нарехта буд. *«Ин Бадани Ман аст»* гуфта, Худованд Исо инро дар назар дошт: «Ин рамзи Бадани Ман аст», ё «Ин тимсоли Бадани Ман аст, ки барои шумо шикаста мешавад». Вақте ки нонро мехӯрем, мо марги Ӯро барои гирифтани гуноҳҳои мо ба ёд меоварем. Дар суханони Худованди мо «ба ёдгории Ман» муҳаббати баённопазир ҳаст.

**11,25** *Ҳамчунин* Худованд *Исо косаро пас аз хӯроки* Песаҳ *гирифта, гуфт: Ин коса аҳди нав аст дар хуни Ман; инро, ҳар боре ки менӯшед, барои ёдоварии Ман ба ҷо оваред.* Шоми Худовандро дарҳол баъди Песаҳи яҳудӣ таҷлил мекардагӣ шуданд. Ана барои чӣ гуфта шудааст, ки Худованд Исо *косаро пас аз хӯроки шом гирифт.* Дар хусуси *коса* Ӯ гуфт, ки ин *аҳди нав аст дар хуни* Ӯ. Ин ба паймоне дахл дорад, ки Худо дар Ирмиё 31,31-34 ба халқи Исроил ваъда кард. Ин ваъда ҳеҷ гуна шарт пешниҳод намекунад; дар он Ӯ розӣ шуд, ки нисбати нinfoнороскории онҳо раҳмдил бошад ва гуноҳҳо ва қонуншиканиҳои онҳоро дигар ба ёд наоварад. Шартҳои аҳди нав дар Нома ба Ибриён 8,10-12 низ зикр шудаанд. Аҳд ҳоло ҳам амал мекунад, аммо беимонӣ ба халқи Исроил халал мерасонад, ки аз он баҳраманд бошад. Ҳамаи ононе ки ба Худованд Исо боварӣ доранд, некӯиҳои ваъдашударо хоҳанд гирифт. Ҳангоме ки халқи Исроил сӯи Худованд рӯ меоварад, аз баракатҳои аҳди нав баҳравар хоҳад шуд; ин ҳангоми Подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ дар замин воқеъ хоҳад шуд. *Аҳди нав* бо *хуни* Масеҳ мустаҳкам карда шуд. Ана барои чӣ Ӯ мегӯяд, ки *коса аҳди нав аст дар хуни Ӯ.* Асоси аҳди нав дар салиб гузошта шуда буд.

**11,26** Ояти 26 ба масъалае дахл дорад, ки Шоми Худованд то чӣ андоза зуд-зуд бояд ба ҷо оварда шавад. *Ҳар боре ки ... мехӯред ва ... менӯшед.* Ҳеҷ гуна қоидаи қонунӣ ва ҳеҷ таърихи муқарраршуда дода нашудааст. Аз Аъмол 20,7 аён аст, ки шогирдони Масеҳ одатан дар рӯзи якуми ҳафта ҷамъ мешуданд, то ки Худовандро ба ёд оваранд. На танҳо барои Ҷамоати ибтидоӣ таъсис дода шудани ин муқарарот бо суханони *«то даме ки Ӯ биёяд»* тасдиқ карда мешавад. Годет хеле хуб гуфтааст, ки Шоми Худованд *«ҳалқаи пайвасткунанда байни ду омадани Ӯ – ёдгории яке ва кафолати дигаре мебошад».*[43]

Аҳамият диҳед, ки дар ҳамаи ин насиҳате ки ба Шоми Худованд дахл дорад, дар хусуси ходим ё коҳини хизматгузорӣ мекарда ягон сухане гуфта нашудааст. Ин хизмати одии ёдбуд ба ҳамаи фарзандони Худо боқӣ гузошта шудааст. Масеҳиён фақат чун имондорон-коҳинон ҷамъ мешаванд, то ба ҳамин тариқ марги Масеҳро эълон намоянд, *то даме ки Ӯ биёяд.*

**11,27** Асл ва мақсади Шоми Худовандро муҳокима карда, расул ба натиҷаҳои иштироки нодуруст дар он мурочиат мекунад. Агар касе *ба таври ношоиста ин нонро хӯрад ё косаи Худовандро нӯшад, нисбат ба бадани Худованд ва хуни Худованд айбдор мешавад.* Ҳамаи мо ба иштирок дар ин Шоми ношоиста ҳастем. Ба ин маъно мо ҳамчунин ба файз ва марҳамати Худо ношоиста ҳастем. Аммо ин ҷо на ин дар назар дошта шудааст. Расул на дар хусуси ношоистагии шахсии мо мегӯяд. Бо хуни Масеҳ пок гардида, мо ба Худо дар тамоми шоистагии Писари дӯстдоштаи Ӯ наздик шуда метавонем. Аммо Павлус ин ҷо дар хусуси он мегӯяд, ки қуринтиён ҳангоми барои Шоми Худованд ҷамъ омадан то чӣ андоза рафтори нангин мекарданд. Онҳо дар муносибати сабукфикрона, беҳурматона *айбдор* буданд. Чунин рафтор – *нисбат ба бадани Худованд ва хуни Худованд айбдор* будан аст.

**11,28** Мо бояд аз доварии шахсии худ гузашта, ба Шоми Худованд оем. Гуноҳи худро эътироф намуда, аз он даст кашидан лозим аст; товони зарарро дода, чизи вайронкардаро барқарор кардан лозим аст; аз онҳое ки ранҷонидаем, бахшиш пурсидан лозим аст. Хуллас, мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки диламон дар ҳолати даркорист.

**11,29** Ба таври ношоиста *хӯрдан ва нӯшидан* – яъне *дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба маҳкумияти худ* хӯрдан ва нӯшидан аст. Мо бояд фаҳмем, ки Бадани Масеҳ барои он ба қурбонӣ оварда шуд, ки аз мо гирифтани гуноҳҳо имконпазир гардад. Агар мо дар гуноҳ зистанро давом диҳем ва дар

айни замон дар Шоми Худованд иштирок кунем, мо дар дурӯғ зиндагӣ мекунем. Ф. Ҷ. Паттерсон менависад: *«Агар дар Шоми Худованд бо гуноҳи дар мо маҳкумнашуда иштирок кунем, мо дар бораи Бадани Худованд, ки барои аз мо гирифта шудани гуноҳ шикаста мешавад, мулоҳиза намекунем».*

**11,30** Баъзе одамон дар ҷамоати Қуринтус худро барои гуноҳҳояшон маҳкум накарданд, ва ин боиси он шуд, ки онҳоро Худо доварӣ мекард ва ҷазо медод. *Бисёре аз* онҳо *беқувват ва бемор* буданд, *ва бисёре ба хоби марг рафтаанд.* Дигар хел карда гӯем, онҳо ҷисман бемор шуданд, баъзеи дигар бошанд ба хона ба осмон гирифта шуданд. Онҳо гуноҳро дар ҳаёти худ маҳкум намекарданд, ва аз ҳамин сабаб Худовандро лозим омад, то онҳоро ҷазо диҳад.

**11,31** Баръакс, *агар худамонро доварӣ мекардем,* ба ҷазо додани мо зарурате намебуд.

**11,32** Худо бо мо чун бо фарзандони Худ муносибат мекунад. Ӯ моро хеле дӯст медорад ва бинобар ин наметавонад ба мо иҷозат диҳад, ки дар гуноҳ зиндагӣ карданро давом диҳем. Маҳз барои ҳамин мо ба зудӣ дар гардани худ асои чангакдори чӯпониро ҳис мекунем, ки моро ба сӯи Ӯ бармегардонад. Чунон ки касе гуфтааст, «Муқаддасон метавонанд (дар Масеҳ) барои осмон шоиста бошанд, аммо барои дар замин монда шаҳодат додан ношоиста бошанд».

**11,33** Барои иди муҳаббат, ё агапе, *ҷамъ* шуда, онҳо бояд *мунтазири якдигар* бошанд, на ин ки худписандона рафтор карда, ба дигарон аҳамият надиҳанд. *«Мунтазири якдигар бошед»* ба ояти 21 муқобил гузошта мешавад: «... ҳар кас аз дигарон пештар хӯроки худро гирифта мехӯрад ...».

**11,34** *Ва агар касе гурусна бошад, дар хонааш хӯрад.* Дигар хел карда гӯем, базми муҳаббатро, ки бо Шоми Худованд алоқаманд аст, набояд чун хӯрокхӯрии умумӣ қабул намуд. Муқаддасии онро эҳтиром накардан –*барои маҳкумият* ҷамъ шудан аст.

*Чизҳои дигарро пас аз омаданам дуруст мекунам.* Аз афташ, корҳои камаҳамияттар низ буданд, ки қуринтиён дар мактубашон ба расул навишта буданд. Ин ҷо вай онҳоро бовар мекунонад, ки ҳангоми ба наздашон омадан ҳамаашро ба тартиб меоварад.

## Ғ. Дар хусуси атоҳои Рӯҳ ва истифодаи онҳо дар ҷамоат (Б. 12–14)

Дар бобҳои 12-14 сухан дар хусуси атоҳои Рӯҳ меравад. Дар ҷамоати Қуринтус суиистифодаҳо рух медоданд, ки хусусан бо атои забонҳо алоқаманд буданд, ва Павлус менависад, то вазъиятро ислоҳ намояд.

Баъзе масеҳиён дар Қуринтус атои забонҳоро гирифта буданд, яъне ба забонҳои хориҷӣ гап зада метавонистанд, дар ҳоле ки ҳеҷ гоҳ онҳоро наомӯхта буданд. Аммо ба ҷои он ки ин аторо барои ҷалол додани Худо ва насиҳати масеҳиёни дигар ба кор баранд, онҳо онро барои худситоӣ истифода мебурданд. Онҳо дар ҷамъомадҳо хеста, бо забонҳои ҳеҷ кас намефаҳмида гап мезаданд, бо умеди он ки забондонии онҳо ба дигарон таассурот мебахшад. Онҳо атои аломатҳоро болобардор мекарданд ва чунин меҳисобиданд, ки бо забонҳо гап мезадагон аз дигарон бештар рӯҳонианд. Ин аз як тараф боиси ғурур гардид, аз тарафи дигар – боиси ҳасад, ҳисси беарзишӣ ва бефоидагӣ. Аз ин сабаб лозим буд, ки расул ақидаҳои нодурусти онҳоро ислоҳ карда, бар зоҳиршавии атоҳо, хусусан атои забонҳо ва пайғамбарӣ назорат барқарор намояд.

**12,1** Павлус намехоҳад, ки муқаддасони Қуринтус дар хусуси зуҳуроти *рӯҳонӣ,* ё *атоҳо бехабар* монанд. Оят таҳтуллафзан чунин садо медиҳад: «Намехоҳам, ки шумоёнро, эй бародарон, дар хусуси рӯҳонӣ бехабар гузорам». Бисёрии тарҷумаҳо барои анҷомнокии фикр пешниҳод мекунанд, ки ба ҷумла калимаи «атоҳо» илова карда шавад. Аммо ояти баъдина асос медиҳад тахмин кунем, ки Павлус метавонист на танҳо дар хусуси зуҳуроти Рӯҳулқудс, балки дар хусуси рӯҳҳои бад низ андеша кунад.

**12,2** То имон овардан қуринтиён бутпараст ва тобеи рӯҳҳои бад буданд. Онҳо аз рӯҳҳои бад метарсиданд, ва ин қувваҳои иблисона онҳоро роҳнамоӣ мекарданд. Онҳо шоҳидони зуҳуроти фавқуттабиии оламӣ рӯҳонӣ буданд ва суханони аз ҷониби рӯҳҳо талқиншударо мешуниданд. Зери таъсири рӯҳҳои бад баъзан онҳо худидоракуниро аз даст дода, беихтиёр гап мезаданд ё коре мекарданд.

**12,3** Акнун, ки онҳо наҷот ёфтаанд, бояд донанд, ки зуҳуроти рӯҳро чӣ гуна баҳо

диҳанд, яъне овозҳои рӯҳҳои бадро аз овози Рӯҳулқудс фарқ кунанд. Санҷиши ҳалкунанда шаҳодат дар хусуси Худованд Исо аст. Агар шахс *лаънат бар Исо гӯяд,* метавонед боварӣ дошта бошед, ки вайро рӯҳи бад роҳнамоӣ мекунад, чунки куфр гуфтан ва бар номи Исо лаънат гуфтан ба онҳо хос аст. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ таҳти таъсири *Рӯҳи Худо* дар хусуси Наҷотдиҳанда чунин намегуфт, зеро хизмати Ӯ дар он аст, ки номи Исоро болобардор намояд. Таҳти таъсири Ӯ одамон на танҳо бо забон *Исоро Худованд* мехонанд, балки аз таҳти дил ва бо тамоми ҳаёти худ Ӯро пурра эътироф мекунанд.

Ба он диққат диҳед, ки дар ин оят, ва низ дар оятҳои 4-6 ҳар се Шахсияти Ваҳдати Сегона номбар шудаанд.

**12,4** Сипас Павлус нишон медиҳад, ки агарчи атоҳои Рӯҳулқудс дар Ҷамоат гуногунанд, асоси онҳо ягонагии секаратаи се Шахсияти Илоҳият мебошад.

Пеш аз ҳама, *атоҳо гуногунанд, аммо Рӯҳ ҳамон як аст.* Қуринтиён чунон рафтор мекарданд, ки гӯё фақат як ато вуҷуд дошта бошад – атои забонҳо. Павлус мегӯяд: «Не, ягонагии шумо на дар доштани як атои умумӣ, балки дар он аст, ки Рӯҳулқудсро дошта бошед, ки сарчашмаи ҳамаи атоҳост».

**12,5** Сипас расул ишорат мекунад, ки *хизматҳо* ҳам дар Ҷамоат *гуногунанд.* На ҳамаи мо ҳамон як корро мекунем. Аммо ҳар коре ки мо мекунем, онро барои *ҳамон як Худованд* бо мақсади на ба худ, балки ба дигарон хизмат кардан мекунем.

**12,6** Боз ҳам, агарчи *амалҳо гуногунанд,* ҳангоме ки сухан дар хусуси атоҳои рӯҳонӣ меравад, *аммо Худо ҳамон як аст,* ва Ӯ ба ҳар як масеҳӣ қувват мебахшад. Агар кадом як ато аз дигаре бомуваффақияттар, назаррастар ё қавитар намояд, ин на ба сабаби аз дигарон афзалтар будани шахси дорои он аст. Ин қудрат аз ҷониби Худо дода мешавад.

**12,7** *Рӯҳ* Худро дар ҳаёти *ҳар* як масеҳӣ зоҳир карда, ба вай ягон атое медиҳад. Ягон масеҳие нест, ки ба вай иҷрои кадом як кор ато нашуда бошад. Атоҳо *барои манфиати* тамоми Бадан дода мешаванд. Онҳо на барои пеши дигарон худнамоӣ кардан ё ба худ ҳаловат бахшидан, балки барои ба дигарон ёрӣ расондан дода мешаванд. Ин лаҳзаи асосии тамоми суханронӣ дар хусуси атоҳост.

Павлус ба таври хеле табиӣ ба номбар кардани баъзе атоҳои Рӯҳ мегузарад.

**12,8** *Каломи ҳикмат* қобилияти фавқуттабиии бо зиракии илоҳӣ сухан рондан ҳангоми ҳалли масъалаҳои мураккаб, додани маслиҳат ё шафеъ шудан барои касе дар назди ҳукуматдороне ки муносибати душманона доранд, мебошад. Истефанус дорои сухани ҳикмат буданашро чунон зоҳир намуд, ки ҳарифонаш «ба он ҳикмат ва Рӯҳе ки дар суханаш буд, ёрои мухолифат надоштанд» (Аъм. 6,10).

*Каломи дониш* қобилияти расонида тавонистани хабарест, ки ба воситаи ваҳйи илоҳӣ ба даст омадааст. Инро бо чунин суханони Павлус нишон додан мумкин аст: «Ба шумо сирре мегӯям ...» (1Қур. 15,51) ё «... ва инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем» (1Тас. 4,15). *Каломи дониш* маънои асосияшро гум кард – расонидани ҳақиқати нав, чунки имони масеҳӣ як бор ва барои ҳамеша ба муқаддасон дода шуда буд (Яҳудо 3). Таълимоти масеҳӣ шакли пурраро гирифтааст. Аммо ба маънои дуюмаш *каломи дониш* боз ҳам ҷой дошта метавонад. Дониши илоҳӣ ҳоло ҳам ба таври пурасрор ба шахсоне расонида мешавад, ки дар мушоракати наздик бо Худованд ҳастанд (ниг. Заб. 24,14). Расондани ин дониш ба дигарон *каломи дониш аст.*

**12,9** Атои *имон* қобилияти илоҳии бо иҷро намудани хости Худо кӯҳҳои душвориро паси сар кардан, ҷавобан ба амр ё ваъдаи Худованд, ки дар Каломи Ӯ ёфт шудааст ё шахсан расонида шудааст, ба хотири Худо қаҳрамониҳо нишон додан аст. Ҷорҷ Мюллер[44] намунаи классикии шахсест, ки атои имон дорад. Дар давоми шаст сол вай ба даҳ ҳазор ятим ғамхорӣ карда, ғайр аз Худо ба ҳеҷ каси дигар чизе дар хусуси эҳтиёҷҳояш нагуфтааст.

*Атои шифо додан* бо қудрати муъҷизаноки шифо додани бемориҳо вобаста аст.

**12,10** *Қудрати муъҷизанамоӣ* рондани девҳо, табдили як модда ба дигаре, аз мурдагон зинда кардан ва қудрат бар қувваҳои табиатро дар бар гирифта метавонад. Филиппус дар Сомария муъҷизаҳо нишон медод ва ҳамин тариқ ба он ноил шуд, ки Хушхабар шунида шуд (Аъм. 8,6.7).

Атои *пайғамбарӣ* ба маънои асосии ин калима маънои онро дорад, ки одам аз Худованд ваҳйи рӯйрост гирифта, ба дигарон расондааст. Баъзан пайғамбарон ҳодисаҳои ояндаро

пешгӯӣ мекарданд (Аъм. 11,27.28; 21,11); аксаран онҳо фақат хости Худоро баён мекарданд. Ба монанди расулон, онҳо бо асосгузории Ҷамоат машғул буданд (Эфс. 2,20). Худи онҳо асос набуданд, аммо бо таълимот дар хусуси Худованд Исо асосро мегузоштанд. Ҳангоме ки асос гузошта шуд, зарурат ба пайғамбарон аз байн рафт. Хизмати онҳо барои мо дар саҳифаҳои Аҳди Нав нигоҳ дошта шудааст. Азбаски Навиштаҳои Муқаддас пурра ба итмом расидааст, мо ҳар гуна пайғамбарони номниҳодро, ки ба гуфташон, гӯё Худо ба онҳо ҳақиқати иловагиро ошкор кардааст, рад мекунем.[45]

Ба маънои бештар бавосита мо калимаи «пайғамбар»-ро барои тасвири ҳама гуна воизе ки Каломи Худоро боэътиборона, равшан ва таъсирбахш эълон менамояд, истифода мебарем. Пайғамбарӣ метавонад суханони ҳамду сано ба Худо (Луқ. 1,67.68) ва суханони рӯҳбаландкунӣ ва дилбардориро ба халқи Ӯ (Аъм. 15,32) дар бар гирад.

*Фарқ кардани рӯҳҳо* – фарқ карда тавонистани он аст, ки оё пайғамбар ё шахси дигарро Рӯҳулқудс роҳбарӣ мекунад ё иблис. Шахси дорои ин ато қобилияти махсуси шинохтани номдуздон ва ба шароит мутобиқшавандагонро дорад. Ҳамин тариқ, Петрус Шимъунро, ки пур аз заҳраи талх ва гирифтори қайди бадкорӣ буд, фош карда тавонист (Аъм. 8,20-23).

*Атои забонҳо,* чунон ки аллакай зикр шуд, суханронӣ ба забони хориҷӣ бе омӯхтани он мебошад. Забонҳо барои аломат дода мешуданд, хусусан чун аломат ба Исроил.

*Тафсири забонҳо* қобилияти муъҷизаноки фаҳмидани забони пештар нашунида, ва ба забонӣ маҳаллӣ баён кардани маънои он аст.

Шояд, бесабаб нест, ки номбаркунии атоҳо аз онҳое сар мешавад, ки асосан бо ақл алоқаманданд, ва бо онҳое анҷом меёбад, ки асосан ба эҳсосот муносибат доранд. Қуринтиён дар хусуси атоҳо тасаввуроти нодуруст доштанд. Онҳо атои забонҳоро аз атоҳои дигар афзал донистанд. Онҳо бо кадом як сабабе чунин мепиндоштанд, ки ҳар қадаре ки шахс бештар дорои Рӯҳулқудс бошад, ба ҳамон андоза тахти таъсири қувваи берун аз вай аст. Онҳо қувваро бо рӯҳоният омехта мекарданд.

**12,11** Ҳамаи атоҳое ки дар оятҳои 8-10 зикр шудаанд, аз тарафи *ҳамон як Рӯҳ* дода мешаванд ва идора карда мешаванд. Ин ҷо мо мебинем, ки Ӯ худи ҳамон аторо ба ҳар кас намедиҳад. Ӯ онҳоро *ба ҳар кас шахсан, мувофиқи хости Худ* мекунад. Ин принсипи дигари муҳим аст: Рӯҳ мустақилона атоҳоро тақсим мекунад. Агар мо инро фаҳмем, пас, аз як тараф, ғурур аз байн меравад, зеро чизе нест, ки мо онро нагирифта бошем. Аз тарафи дигар, норозигӣ аз байн меравад, чунки Хирад ва Муҳаббати беохир қарор қабул кардааст, ки кадом аторо ба мо диҳад, ва интихоби Ӯ комил аст. Ҳамон як аторо хостани ҳама нодуруст аст. Агар ҳама ҳамон як асбоби мусиқиро менавохтанд, оркестрҳои симфонӣ намебуданд. Ва агар бадан танҳо аз забон иборат мебуд, ин даҳшатовар мебуд.

**12,12** *Бадани* одамӣ намунаи ягонагӣ ва гуногунист. Бадан як аст, аммо узвҳои бисёр дорад. Агарчи ҳамаи масеҳиён гуногунанд ва вазифаҳои гуногунро ба ҷо меоваранд, ҳамаи онҳо дар як ягонагии вазифавии *бадан* муттаҳиданд. *Ончунон Масеҳ низ.* Номи «Масеҳ» ин ҷо на танҳо ба Худованди пурҷалол Исои Масеҳ дар осмон, балки ҳамчунин ба Сар дар осмон ва аъзоёни Ӯ дар ин ҷо, дар замин дахл дорад. Ҳамаи масеҳиён аъзоёни Бадани Масеҳ ҳастанд. Чунон ки бадани одамӣ чун воситае хизмат мекунад, ки ба одам имкон медиҳад худро дар назди дигарон ифода намояд, Бадани Масеҳ низ воситаест, ки Масеҳ барои ба ҷаҳон зоҳир намудани Худ интихоб намудааст. Худованд ба мо марҳамати муъҷизанок зоҳир намуда, ба калимаи «Масеҳ» иҷозат дод, то он қисмеро аз мо, ки узви Бадани Масеҳ аст, дар бар гирад.

**12,13** Сипас Павлус мефаҳмонад, ки чӣ гуна мо аъзоёни Бадани Масеҳ мешавем. *Ҳамаи мо бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан таъмид ёфтаем.* Ин ҷумла ба таври боз ҳам таҳтуллафзӣ «дар[46] як Рӯҳ» тарҷума мешавад. Ин маънои онро дошта метавонад, ки Рӯҳ ҷавҳарест, ки мо ба он таъмид ёфтаем, чунон ки об унсурест, ки ба он ғӯтида, аз рӯи имон таъмиди масеҳӣ ёфтаем. Ё ин маънои онро дошта метавонад, ки Рӯҳ Шахсияти амалкунанда аст, ки таъмид медиҳад, ва бинобар ин *«дар як Рӯҳ».* Ин маъно бештар имконпазир ва фаҳмост.

Таъмид бо Рӯҳулқудс дар рӯзи Пантикост ба амал омад. Дар ин лаҳза Ҷамоат ба вуҷуд омад. Ҳангоме ки аз олами боло зода

мешавем, мо аз некӯиҳои он таъмид мечашем. Мо аъзоёни *Бадани* Масеҳ мешавем.

Ин ҷо мазмунҳои муҳими зеринро бояд зикр кард: аввалан, таъмид бо Рӯҳулқудс амали илоҳист, ки масеҳиёнро ба Бадани Масеҳ ҷойгир мекунад. Таъмид бо Рӯҳулқудс ва таъмиди обӣ як нестанд. Ин аз Матто 3,11; Юҳанно 1,33 ва Аъмол 1,5 аён аст. Ин на кори файз аст, ки аз пайи наҷот омада, масеҳиён ба воситаи он рӯҳан рушд мекунанд. *Ҳамаи* қуринтиён бар тибқи Рӯҳ *таъмид* ёфтанд, аммо боз ҳам Павлус онҳоро сарзаниш мекунад, ки на рӯҳонӣ, балки ҷисмонӣ ҳастанд (3,1). Нодуруст аст, ки гӯё бо забонҳо гап задан нишонаи ҳатмии таъмид бо Рӯҳ аст. Ҳамаи қуринтиён *таъмид ёфтанд,* аммо на ҳама ба забонҳо гап мезаданд (12,30). Ҳақиқатан, таъсироти ғайриодии Рӯҳулқудс ҳастанд, ҳангоме касе худро ба итоати Рӯҳ месупорад ва баъд аз олами боло дастгирӣ карда мешавад. Аммо ин таҷриба бо таъмид бар тибқи Рӯҳ як нест, ва онҳоро набояд омехта кард.

Сипас оят мегӯяд, ки масеҳиён *ҳама ба як Рӯҳ нӯшонида шудаанд.* Ин маънои онро дорад, ки онҳо аз Рӯҳи Худо ба он маъно баҳраманд шуданд, ки Ӯ чун Шахсият дар онҳо сокин аст, ва онҳо некӯиҳои хизмати Ӯро дар ҳаёти худ ба даст оварданд.

**12,14** Бе гуногунии узвҳо *бадани* одам намебуд. Лозим аст, ки *бисёр* узвҳои аз ҳам фарққунанда бошанд, ки кор карда, ба сар итоат кунанд ва бо якдигар ҳамкорӣ намоянд.

**12,15** Агар мо фаҳмем, ки гуногунӣ барои бадани муътадили сиҳат зарур аст, ин моро аз ду душворӣ халос мекунад: камаҳамият ҳисобидани худ (15-20) ва камаҳамият ҳисобидани дигарон (оятҳои 21-25). Хилофи мантиқ мебуд, агар *по* худро аз боиси он ки вазифаи *дастро* ба ҷо оварда наметавонад, камаҳамият ҳис кунад. Дар ниҳояти кор, по метавонад биистад, роҳ равад, давад, рақс кунад, лагад занад ва боз бисёр корҳои дигарро анҷом диҳад.

**12,16** *Гӯш* набояд худро аз сабаби *чашм* набуданаш аз бадан ҷудо кунад. Мо гӯшҳои худро то ба дарди карӣ гирифтор шудан мусаллам меҳисобем. Он гоҳ мефаҳмем, ки гӯшҳои мо чӣ кори муҳимеро ба ҷо меоваранд.

**12,17** *Агар тамоми бадан чашм* мебуд, он аъҷубаи каре мебуд, ки фақат барои дар сирк нишон додан лоиқ аст. Ё агар бадан фақат гӯшҳо медошт, пас он бинӣ намедошт, то ихроҷи газро ошкор намояд, ва он гоҳ ба зудӣ шуниданро бас мекард, чунки беҳуш мешуд ё мемурд.

Павлус кӯшиш мекунад хонандагонро ба фикре оварад, ки агар бадан фақат аз забон иборат мебуд, ин аномалия, аъҷубагӣ мебуд. Бо вуҷуди ин қуринтиён аҳамияти атои забонҳоро ба андозае муболиға мекарданд, ки бо ин корашон ҷамоати маҳаллии иборат аз як худи забонро ташкил мекарданд. Он гап зада метавонад, аммо ғайр аз ин ҳеҷ коре карда наметавонад!

**12,18** *Худо* дар ин гуна беақлӣ айбдор нест. Дар ҳикмати бемисоли Худ Ӯ *ба* ҳар гуна *узвҳо дар бадан, мувофиқи хости Худ, ҷой додааст.* Мо бояд ба Ӯ бовар кунем, ва дарк намоем, ки Ӯ кори мекардаашро медонад! Мо бояд барои ҳама гуна атое ки Ӯ ба мо додааст, шукргузор бошем, ва бо хурсандӣ барои ҷалол додани Худованд ва рӯҳбаланд намудани дигарон ба кор барем. Ба атои шахсе ҳасад бурдан гуноҳ аст. Ин исён бар зидди нақшаи комили илоҳӣ барои ҳаёти мост.

**12,19** Баданеро ба худ тасаввур кардан имкон надорад, ки аз *як узв* иборат бошад. Ҳамчунин қуринтиён низ бояд дар ёд нигоҳ доранд, ки агар ҳамаи онҳо дорои атои забонҳо мебуданд, *баданашон* қобили кор намебуд. Шояд атоҳои дигар на он қадар равшан ва на он қадар ҳайратоваранд, аммо бо вуҷуди ин онҳо даркоранд.

**12,20** Чуноне ки Худо муқаррар намудааст, *узвҳо бисёранд, аммо бадан як аст.* Ҳангоме ки сухан дар бораи бадани одам меравад, ин барои мо возеҳ аст, ва бояд нисбати хизмати мо дар ҷамоат низ возеҳ бошад.

**12,21** Ҳар қадаре ки ба атои касе ҳасад бурдан беақлона бошад, паст задани атои касе ё чунин ҳисобидан, ки бе дигарон ҳам рӯз гузарондан мумкин аст, ҳамон қадар аҳмақона мебошад. *Чашм наметавонад ба даст гӯяд, «Ба ман даркор нестӣ»; ё сар низ ба пойҳо гӯяд: «Ба ман даркор нестед».* Чашм метавонад бинад, ки чӣ кардан даркор аст, аммо кардан наметавонад. Дар ин вай ба даст умед мебандад. Ва ҳамчунин, сар метавонад донад, ки ба ҷои муайяне рафтан даркор аст, аммо бояд ба пойҳо умед бандад, то ки онро ба ҳамон ҷо расонанд.

**12,22** *Баъзе узвҳои бадан ба назар заифтар менамоянд.* Чунин менамояд, ки гурдаҳо, масалан, бар хилофи дастон, боқувват нестанд. Аммо бе гурдаҳо зистан имкон надорад, дар ҳоле ки бе дастон мумкин аст. Мо бе дастон, бе пойҳо, ҳатто бе забон зиста метавонем, аммо бе дил, шуш, ҷигар ё майна наметавонем. Аммо бо вуҷуди ин узвҳои ҳаётан муҳим ҳеҷ гоҳ ба намоиш гузошта намешаванд. Онҳо кори худро ноаён, бе лофзанӣ ба ҷо меоваранд.

**12,23** Баъзе узвҳои бадан ҷолиби диққатанд, дар ҳоле ки дигар узвҳо на он қадар зебоянд. Мо инро ба воситаи бо либос пӯшондани он узвҳое ки на он қадар зебоянд, ҷуброн мекунем. Ҳамин тариқ, байни узвҳо ғамхории муайяни тарафайн ҳаст, ки фарқҳоро кам мекунад.

**12,24** Узвҳои *хушсурати* бадан диққати зиёдро талаб намекунанд. *Лекин Худо* узвҳои гуногуни *баданро* ба сохтори бунёдӣ муттаҳид намудааст. Баъзе узвҳо шаклан зебо буда, баъзеи дигар бенамуданд. Баъзеи онҳоро дар байни одамон нишон додан мумкин аст, баъзеи дигарро не. Аммо ба ҳар ҳол Худо ба мо ғаризае додааст, ки ҳамаи узвҳои баданро қадр кунем ва фаҳмем, ки ҳамаи онҳо ба якдигар вобастаанд, ва норасоии узвҳои на он қадар зеборо ба мувозинат оварем.

**12,25** Ба якдигар ғамхорӣ кардани узвҳо *нособӣ дар* баданро пешгирӣ мекунад. Яке ба дигаре он чизро медиҳад, ки ба аввалӣ даркор аст, ва дар иваз ёриеро мегирад, ки фақат узви дигар ба ҷо оварда метавонад. Дар Ҷамоат бояд маҳз ҳамин хел бошад. Диққати беандоза ба як атои Рӯҳ боиси мухолифат ва ҷудоиҳо мегардад.

**12,26** Он чи ба *як узв* таъсир мекунад, ба ҳ*амаи узвҳо* таъсир мекунад. Дар хусуси бадани одам ин хуб маълум аст. Масалан, таъсири ҳарорати баланд бо ягон қисми бадан маҳдуд намешавад, балки тамоми организмро фаро мегирад. Ҳангоми дигар бемориҳо ва дардҳо низ ҳамин хел мешавад. Окулист (духтури чашм) чашмро аз назар гузаронда, аксар вақт метавонад варами мағзи сар, бемории гурдаҳо ё илтиҳоби ҷигарро муайян кунад. Сабаб он аст, ки агарчи ин узвҳо алоҳида вуҷуд доранд, бо вуҷуди ин як баданро ташкил медиҳанд ва то андозае бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, ки он чи ба як узв таъсир дорад, ба ҳамаи узвҳо таъсир мекунад. Бинобар ин ба ҷои норозигӣ аз насиби худ ё, аз дигар тараф, ҳисси новобастагӣ ба дигарон, мо бояд ҳисси ҳақиқии ҳамраъйиро дар Бадани Масеҳ дошта бошем. Дарде ки ба масеҳии дигар расонда шудааст, бояд ҳамдардии амиқи моро ба вуҷуд оварад. Аммо агар мо бинем, ки масеҳии дигар *сазовори таҳсин мегардад,* мо набояд рашк кунем, балки ҳамроҳи вай *хурсанд* шавем.

**12,27** Павлус ба қуринтиён ёдрас мекунад, ки онҳо *бадани Масеҳ* ҳастанд. Ин наметавонад маънои «ҳамаи бадани Масеҳ»-ро дар тамоми умумияташ дошта бошад. Он ҳамчунин маънои «яке аз баданҳои Масеҳ»-ро надорад, чунки танҳо як бадан ҳаст. Ин танҳо маънои онро дошта метавонад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ олами хурд ё бадани Масеҳро дар ҳаҷми хурд ташкил медиҳанд. Ҳар кадоми онҳо *ҷудо-ҷудо* узви ин ҷамъияти бузурги ҳамкорикунанда аст. Вай бояд вазифаҳои худро бе ҳеҷ гуна ҳисси фахр, мустақилӣ, ҳасад ё паст ҳисобидани худ иҷро кунад.

**12,28** Ин ҷо расул боз атоҳоро номбар мекунад, аммо аллакай дигар атоҳоро. Ҳеҷ кадоми ин рӯйхатҳоро пурра ҳисобидан мумкин нест. *Ва Худо баъзеро дар Ҷамоат аввалан расул ... таъйин кардааст.* Калимаи *«аввалан»* ба он ишорат мекунад, ки на ҳама расул буданд. Дувоздаҳ кас аз ҷониби Худованд Исо чун фиристодагони Ӯ интихоб шуда буданд. Онҳо ҳангоми хизмати заминии Ӯ ҳамроҳаш буданд (Аъм. 1,21.22) ва ба истиснои Яҳудо, Ӯро зиндашуда диданд (Аъм. 1,2.3.22). Аммо дигарон низ, ба ғайр аз ин дувоздаҳ нафар, расул буданд. Намоёнтарини онҳо Павлус аст. Ҳамчунин Барнаббо (Аъм. 14,4.14), Яъқуб, бародари Худованд (Ғал. 1,19), Силвонус ва Тимотиюс (1Тас. 1,1; 2,7). Ҳамроҳи пайғамбарони Аҳди Нав расулон бо таълими худ дар хусуси Худованд Исои Масеҳ таҳкурсии Ҷамоатро гузоштанд (Эфс. 2,20). Ҳозир ба маънои аслии ин калима расулон нестанд. Ба маънои васеъ ҳанӯз ҳам одамони аз ҷониби Худованд фиристодашуда ҳастанд, ки хабари Инҷилро мерасонанд ва ҷамоатҳои нав бунёд мекунанд. Мо аз он сабаб онҳоро на расулон, балки миссионерон меномем, ки таассуроте ҳосил нашавад, гӯё онҳо эътибор ва қудрати расулони аввалинро дошта бошанд.

Аз пайи онҳо *пайғамбарон* меоянд. Мо аллакай гуфта будем, ки ба воситаи пайғамбарон

Худо сухан ронда буд. Ин одамон Каломи Худоро то замони пурра навишта шуданаш эълон менамуданд. *Муаллимон* онҳое мебошанд, ки ба одамон Каломи Худоро шарҳ медиҳанд. Ибораи *«қувваҳои муъҷизакор»* метавонад ба растохез аз мурдагон, рондани девҳо ва ғайра дахл дошта бошад. *Шифо додан* бо сиҳатшавии фаврии бемориҳои ҷисмонӣ вобаста аст, чунон ки дар боло гуфта шуд. *Мадад расондан* аксаран бо кори диаконҳо, ки корҳои моддии ҷамоат ба онҳо вогузор шуда буд, ҳамонанд карда мешавад. Атои *идора карданро,* баръакс, одатан ба пресвитерҳо (пирон) ва усқуфони ҷамоат мансуб медонанд. Онҳо одамоне мебошанд, ки дар хусуси эҳтиёҷоти рӯҳонии ҷамоати маҳаллӣ мувофиқи хости Худо ғамхорӣ мекунанд. Атои охирин атои *забонҳост.* Мо бовар мекунем, ки тартиби номбар кардан маънои махсус дорад. Павлус дар навбати аввал дар хусуси расулон ва дар навбати охир дар хусуси забонҳо сухан меронад. Қуринтиён бошанд забонҳоро дар аввал гузошта, ба расулон беэътиноёна рафтор мекарданд.

**12,29-30** Ҳангоме расул мепурсад, ки оё ба ҳамаи масеҳиён ҳамон як ато дода шудааст – расулӣ, пайғамбарӣ, муаллимӣ, муъҷиза нишон додан, шифо додан, мадад расондан, идора кардан, ба забонҳо гап задан, сарфу наҳви нусхаи асл ба он ишора мекунад, ки вай ҷавоби «не»-ро интизор аст ва талаб мекунад.[47] Бинобар ин ҳама гуна тахмини гуфташуда ё дар назар дошташуда дар хусуси он ки ҳар кас бояд атои забонҳо дошта бошад, ба Каломи Худо мухолиф аст ва ба худи консепсияи бадан, ки узвҳои гуногуни иҷрокунандаи вазифаи худро дорад, бегона мебошад.

Агар, чунон ки ин ҷо изҳор карда мешавад, атои забонҳо на дар ҳама бошад, пас таълимот дар хусуси он ки забонҳо нишонаи таъмид бо Рӯҳ аст, нодуруст мебошад, чунки дар ин ҳолат на ҳар кас интизори ин гуна таъмид буда метавонад. Аммо ҳақиқат дар он аст, ки *ҳамаи имондорон* аллакай бо Рӯҳ таъмид гирифта буданд (ояти 13).

**12,31** Даъвати *Павлус «Хоҳони атоҳои беҳтар бошед»* ба қуринтиён, чун ба ҷамоати маҳаллӣ равона карда шудааст, на ин ки ба ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ. Мо инро аз он сабаб медонем, ки феъл дар шакли ҷамъ аст. Расул мегӯяд, ки ҷамоат бояд кӯшиш кунад дар байни худ интихоби хуби атоҳое дошта бошад, ки ҷамоатро обод мекунанд. Атоҳои беҳтар на атоҳои таъсирбахштар, балки фоиданоктаранд. Ҳамаи атоҳоро Рӯҳулқудс медиҳад, ва аз ҳеҷ кадоми онҳо набояд нафрат кард. Вале боз ҳам аён аст, ки барои Бадан баъзе атоҳо аз дигарашон фоиданоктаранд. Ва ҷамоатҳои маҳаллӣ бояд аз Худованд хоҳиш кунанд, ки Ӯ бештар ин гуна атоҳо диҳад.

*Ман ба шумо роҳи боз ҳам хубтарро нишон медиҳам.* Павлус бо ин суханон бобро дар хусуси муҳаббат сар мекунад (1Қур. 13). Вай ин ҷо мегӯяд, ки бо муҳаббат истифода бурдани атоҳо муҳимтар аз он аст, ки фақат дорои он бошем. Муҳаббат на дар хусуси худ, балки дар хусуси дигарон фикр мекунад. Хеле хуб аст, агар Рӯҳулқудс ба таври махсус ба одам атое ато кардааст, аммо боз ҳам беҳтар он аст, ки вай ин аторо на барои ба худ ҷалб намудани диққат, балки барои дар имон мустаҳкам намудани дигарон ба кор барад.

Тамоюли бе алоқамандии матн аз назар гузаронидани боби 13 вуҷуд дорад. Онро порчаи иловашуда меҳисобанд, ки вазифааш паст кардани шиддати гуфтор дар хусуси забонҳо дар бобҳои 12 ва 14 аст. Аммо маънои он на дар ин аст. Боби 13 ин гуфторро давом медиҳад ва қисми муҳими он аст.

Суиистифода аз забонҳо, аз афташ, дар ҷамоат мубориза ро ба вуҷуд овард. «Харизматҳо» атоҳоро барои манфиати худ, барои қаноатмандии худ ба намоиш гузошта, на аз рӯи муҳаббат рафтор мекарданд. Онҳо дар ҷамъият бо забоне ки ҳеҷ гоҳ наомӯхта буданд, сухан ронда, қаноатмандӣ ҳосил мекарданд, аммо барои дигарон нишаста шунидани он чи намефаҳмиданд, вазнин буд. Павлус исрор менамояд, ки ҳамаи атоҳоро бо муҳаббат истифода бурдан лозим аст. Мақсади муҳаббат на хуш омадан ба худ, балки ба дигарон ёрӣ додан аст.

Шояд, амали ҷавобии «ғайрихаризматҳо» низ хеле пурҷӯшу хурӯш ва бе муҳаббат буд. Онҳо то андозае дур рафта метавонистанд, то бигӯянд, ки ҳамаи забонҳо аз иблис аст. Ва забонҳои шахсоне ки ба юнонӣ сухан меронданд, аз забонҳои «харизматӣ» бадтар буда метавонистанд! Бемуҳаббатии онҳо аз суиистифодаи забонҳо бадтар буда метавонист.

Бинобар ин Павлус хирадмандона ёдрас мекунад, ки ҳар ду тараф бояд муҳаббат зоҳир

намоянд. Агар онҳо ба якдигар бо муҳаббат рафтор намоянд, мушкилӣ асосан ҳал мешавад. Ин на он масъалаест, ки аз Ҷамоат ронда шудан ё ҷудо шуданро металабад; он муҳаббатро металабад.

**13,1** Ҳатто агар одам ба ҳамаи забонҳои инсонҳо ва фариштаҳо гап зада тавонад ҳам, агар онҳоро на барои манфиати дигарон ба кор барад, атои вай аз *миси ҷарангосзананда* – садои порчаҳои металли бо ҳам бархӯрда фоиданоктар нест. Ҳангоме ки сухани гуфташуда нофаҳмост, он фоида намеорад. Ин фақат садои ба асаб таъсиркунанда аст, ки барои манфиати умум чизе намедиҳад. Барои он ки забонҳо манфиат биёранд, онҳоро тафсир кардан лозим аст. Аммо ҳар гуна тафсир бояд пандомез бошад. *Забонҳои фариштагон* – шояд, ифодаи маҷозӣ бошад, ки суханронии олиро тасвир мекунад, аммо бо он забони номаълум дар назар дошта нашудааст, чунки дар Навиштаҳои Муқаддас дар ҳар ҷое ки фариштагон бо одамон сухан ронда бошанд, гуфтори онҳоро бе ҳеҷ душворӣ фаҳмидан мумкин буд.

**13,2** Ҳамчунин одам метавонад аз Худо ваҳйи муъҷизанок, *асрори* бузурги Худоро гирад, асрори ҳаяҷоновар ва то ҳол номаълумеро, ки ба вай зоҳир шудаанд, донад. Вай метавонад аз олами боло миқдори азими *дониши* илоҳиро гирад. Имкон дорад, ки ба вай он *имони* қаҳрамононае ки *кӯҳҳоро* низ *кӯчонида* метавонад, дода шавад. Аммо агар ин атоҳо на ба насиҳат додани дигар аъзоёни Бадани Масеҳ, балки фақат барои манфиати худи вай хизмат кунанд, он арзише надорад, соҳибаш бошад *ҳеҷ аст,* яъне вай барои дигарон бефоида аст.

**13,3** Агар расул *тамоми дороии худро* барои сер кардани гуруснагон медод, ё ҳатто агар *ҷисми худро ба сӯхтан* месупурд, аммо агар ин рафторҳои қаҳрамононаро на дар рӯҳияи *муҳаббат* ба ҷо меоварd, барояш ҳеҷ нафъе намедоштанд. Агар вай фақат ба худ диққатро ҷалб кунондан мехост, хоҳони машҳуршавӣ мебуд, пас некӯии намоишкоронаи вай ҳеҷ арзише намедошт.

**13,4** Касе гуфтааст: «Ин порча ҳеҷ гоҳ чун рисолаи муҳаббат ба нақша гирифта нашуда буд, балки, ба монанди қисми зиёди дурдонаҳои адабии Аҳди Нав, дар робита бо вазъияти муайяни маҳаллӣ навишта шуда буд». Ҳоҷ ишора мекард, ки қуринтиён бетоқат, беқаноат, ҳасуд, мутакаббир, худписанд, беназокат, ба ҳиссиёт ва эҳтиёҷоти дигарон бепарво, шубҳакунанда, ранҷанда ва моил ба маҳкумкунӣ буданд.

Бинобар ин расул ба ҳолати онҳо аломатҳои муҳаббати ҳақиқиро муқобил мегузорад. Пеш аз ҳама, *муҳаббат пурсабр ва меҳрубон аст.* Пурсабр будан густохиҳоро босаброна таҳаммул намудан аст. Меҳрубон будан меҳрубонии амалӣ, ғамхорӣ дар хусуси манфиатҳои дигарон аст. *Муҳаббат* ба дигарон *ҳасад намебарад;* он, аниқтараш, хурсанд мешавад, ки дигаронро таъриф мекунанд ва болобардор менамоянд. *Муҳаббат худситоӣ намекунад, ҳавобаланд намешавад.* Он мефаҳмад, ки ҳар он чи вай дорад, атои Худост ва дар худи вай чизе нест, ки боиси фахр бошад. Ҳатто атоҳои Рӯҳро Худо тақсим мекунад, ва онҳо набояд дар одам фахр ё ғурурро пайдо кунанд, агарчи ин ато хеле назаррас бошад ҳам.

**13,5** Муҳаббат *бадкирдорӣ намекунад.* Агар одам ҳақиқатан аз рӯи муҳаббат амал кунад, вай боилтифот ва боэътино мешавад. Муҳаббат худпарастона ҳаққи худро *намеҷӯяд,* вай дар фикри он аст, ки ба дигарон ёрӣ дода метавонад. Муҳаббат *ба хашм намеояд,* аммо тайёр аст беэътиноӣ ва таҳқирро таҳаммул намояд. Муҳаббат *ба дил кина намегирад,* яъне ниятҳои бадро ба дигарон нисбат намедиҳад. Он ба рафторҳои онҳо бо шубҳа наменигарад. Он софдил аст.

**13,6** Муҳаббат *аз беинсофӣ шод намешавад, балки аз ростӣ хурсанд мешавад.* Ба табиати одамӣ хислати бад хос аст: аз норостӣ ҳаловат бурдан хусусан агар ба шахс чунин намояд, ки амали норосткорона ба нафъи вай хоҳад буд. Дар ин рӯҳи муҳаббат нест. Муҳаббат ба ҳар як тантанаи *ростӣ хурсанд* мешавад.

**13,7** *«Ҳама чизро рӯпӯш мекунад»* маънои онро дошта метавонад, ки муҳаббат ҳама чизро таҳаммул мекунад ё камбудиҳои дигаронро пинҳон мекунад. Муҳаббат бе зарурат хатоҳои дигаронро назди одамон ошкор намекунад, агарчи ҳангоми зарурат вай бояд устуворӣ нишон дода, тақводорона ҷазо диҳад.

Муҳаббат *ба ҳама чиз бовар мекунад,* яъне кӯшиш мекунад ба рафтор ва ҳодисаҳо маънидоди беҳтарини имконпазирро диҳад. Муҳаббат ҳамеша *ба ҳама чиз умед мебандад,* ба он маъно ки самимона мехоҳад ҳама чиз хуб шавад. Муҳаббат ҳангоми таъқибот ва муносибати бад *ба ҳама чиз тоб меоварад.*

**13,8** Сифатҳои шахсонеро, ки бахшоиши худро бо муҳаббат ба кор мебаранд, тасвир намуда, расул акнун пойдории муҳаббатро аз назар мегузаронад ва онро ба муваққатӣ будани атоҳо муқобил мегузорад. *Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад.* Он дар абадият низ хоҳад буд, зеро ҳамаи мо Худовандро ва якдигарро дӯст хоҳем дошт. Бахшоишҳо бошанд, баръакс, муваққатианд.

Ду тафсири асосии оятхои 8-13 ҳаст. Нуқтаи назари анъанавӣ дар он аст, ки ҳангоми ба абадият гузаштани масеҳиён атоҳои пайғамбарӣ, забонҳо ва дониш аз байн меравад. Нуқтаи назари дигар изҳор медорад, ки аз замоне ки қонуни шаръии Навишта ба итмом расидааст, ин бахшоишҳо аллакай бекор карда шудаанд. Барои муаррифӣ намудани ҳар ду нуқтаи назар мо оятҳои 8-12-ро таҳти сарлавҳаҳои АБАДИЯТ ва ҚОНУНИ ШАРЪИИ АНҶОМЁФТА баён мекунем.

---

## АБАДИЯТ

Муҳаббат ҳеҷ гоҳ хотима намеёбад. Аммо пайғамбариҳое ки ҳозир ҳастанд, ҳангоме ки фарзандони Худо ба хона, ба осмон меоянд, хотима меёбанд. Агарчи ҳозир атои дониш ҳаст, ҳангоме ки мо камолоти пурра ва ҷалолро ба даст меоварем, он мавҷудияташро бас мекунад. (Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки дониш бекор карда мешавад, вай наметавонад онро дар назар дошта бошад, ки дар осмонҳо дониш нахоҳад буд. Вай, аз афташ, дар хусуси атои дониш мегӯяд, ки ба воситаи он ба таври фавқуттабиӣ ҳақиқати илоҳӣ баён карда мешуд.)

## ҚОНУНИ ШАРЪИИ АНҶОМЁФТА

Муҳаббат ҳеҷ гоҳ хотима намеёбад. Агарчи дар замони Павлус атои пайғамбарӣ буд, бо анҷомёбии китоби охирини Аҳди Нав зарурати ин гуна ваҳйҳои бевосита мебоист аз байн рафт. Атои забонҳо дар замони зиндагии Павлус ҳанӯз лозим буд, аммо ҳангоме ки ҳамаи шасту шаш китоби Навиштаҳои Муқаддас навишта шуданд, мебоист худ аз худ нест мешуд, чунки он аллакай барои тасдиқи мавъизаи расулон ва пайғамбарон даркор набуд (Ибр. 2,3.4). Худо ба расулон ва пайғамбарон дониши ҳақиқати илоҳиро медод, вале ин ҳам баъди он ки таълимоти пурраи масеҳӣ, ки як бор ва барои ҳамеша баён карда шудааст, мебост хотима меёфт.

Мо, яъне расулон, қисман дониш дорем (ба он маъное ки ҳанӯз ҳам ба воситаи ваҳйи бевосита аз Худо дониши дорои илҳоми илоҳӣ мегирем) ва қисман пайғамбарӣ мекунем (чунки метавонем фақат ваҳйҳои ҷузъии мегирифтаамонро баён кунем).

Аммо ҳангоме ки комил меояд, яъне ҳангоме ки қонуни шаръӣ бо илова шудани китоби охирини Аҳди Нав анҷом меёбад, он гоҳ ваҳйҳои давравӣ ё тадриҷан меомада ба охир мерасанд, ва расонидани ин ҳақиқат қатъ мегардад. Дигар ба ваҳйи ҷузъӣ эҳтиёҷе намемонад, чунки мо Каломи пурраи Худоро хоҳем дошт.

Атоҳо-аломатҳо бо кӯдакии Ҷамоат алоқаманд буданд. Худи атоҳо кӯдакона набуданд; онҳо атоҳои зарурии Рӯҳи Худо буданд. Аммо ҳангоме ки ваҳйи пурраи Худо дар Навиштаҳои Муқаддас пайдо шуд, атоҳои муъҷизанок дигар нодаркор шуданд ва мавҷудияташонро бас карданд. Калимаи «кӯдак»[48] ин ҷо тифлеро ифода мекунад, ки дуруст гап зада наметавонад.

Ҳозир (дар давраи расулон) мо, чун дар оина, ноаниқ мебинем. Ба ҳеҷ кадоми мо (расулон) аз ҷониби Худо ваҳйи пурра дода нашуда буд. Он ба мо чун порчаҳои муаммо қисм-қисм дода мешуд. Ҳангоме ки қонуни шаръии Навишта ба анҷом мерасад, ноаниқӣ аз байн меравад, ва мо тамоми тасвирро ба пуррагӣ мебинем. Дониши мо (чун расулон ва пайғамбарон) дар замони ҳозира ҷузъӣ мебошад. Аммо ҳангоме ки ба Аҳди Нав китоби охирин илова карда мешавад, мо донишҳои аз ҳамаи давраҳои гузашта пурратар ва бузургтар хоҳем дошт.

---

**13,9** Дар ин зиндагӣ дониши мо дар ҳолати беҳтарин ҷузъӣ мебошад, чунон ки пайғамбариҳои мо низ. Мо бисёр чизҳоро дар Навиштаҳои Муқаддас намефаҳмем ва бисёр чизҳо дар пешбинии Худо ба мо асроромез мебошанд.

**13,10** Аммо ҳангоме ки комил меояд, яъне ҳангоме ки мо дар ҷаҳони абадӣ ба

камолот мерасем, атоҳои дониши ҷузъӣ ва пайғамбарии ҷузъӣ нодаркор мешаванд.

**13,11** Ин ҳаётро бо кӯдакӣ муқоиса кардан мумкин аст, ҳангоме ки нутқ, фаҳмиш ва тафаккури мо маҳдуд ва ноболиғона мебошанд. Дар осмон буданро бо балоғати пурра монанд кардан мумкин аст. Он гоҳ кӯдакии мо дар гузашта хоҳад буд.

**13,12** То даме ки дар замин ҳастем, мо ҳама чизро хира ва ноаниқ мебинем, чун дар оинаи араккарда. Дар осмонҳо, баръакс, мо ҳама чизро рӯ ба рӯ хоҳем дид, ҳангоме ки ҳеҷ чиз ба нигоҳ халал намерасонад. Ҳозир дониши мо ҷузъӣ мебошад, аммо он вақт мо чунон ки моро медонанд, хоҳем донист, яъне пурратар. Мо ҳеҷ гоҳ дониши комил нахоҳем дошт, ҳатто дар осмонҳо. Танҳо Худо ҳамадон аст. Аммо мо назар ба ҳозира беандоза бештар хоҳем донист.

**13,13** *Имон, умед, муҳаббат,* чунон ки Келлӣ онҳоро номидааст, – «принсипҳои асосии ахлоқии хоси масеҳият мебошанд». Ин некӯиҳои Рӯҳ аз атоҳои Рӯҳ болотаранд, ва муддати бештар давом меёбанд. Кӯтоҳи гап, самарҳои Рӯҳ аз атоҳои Рӯҳ муҳимтаранд.

Ва *муҳаббат* аз некӯиҳои дигар *калонтар* аст, чунки он барои дигарон фоиданоктар аст. Он на ба худ, балки ба дигарон нигаронида шудааст.

Пеш аз анҷом додани таҳлили ин боб якчанд мулоҳизаҳоро бояд зикр кард. Чунон ки дар боло гуфта шуд, мувофиқи маънидоди анъанавии оятҳои 8-12, ин ҷо шароити ин зиндагӣ бо шароити абадият муқобил гузошта мешавад. Аммо бисёр масеҳиёни самимӣ ҷонибдори ҚОНУНИ ШАРЪИИ АНҶОМЁФТА буда, чунин меҳисобанд, ки мақсади атоҳо-аломатҳо тасдиқи мавъизаи расулон буд, то даме ки Каломи Худо шакли навиштаи анҷомёфтаро гирифт, ва ҳангоме ки Аҳди Нав шакли пурраро гирифт, зарурати ин муъҷизаҳо аз байн рафт. Ин нуқтаи назари дуюм шоистаи диққати ҷиддист, аммо онро пурра исбот кардан ниҳоят душвор аст. Ҳатто агар мо бовар кунем, ки атоҳо-аломатҳо дар охири давраи расулон аксаран аз байн рафтаанд, бо боварии пурра гуфта наметавонем, ки агар Худо мехост, ин атоҳоро имрӯзҳо ба кор бурда наметавонист. Новобаста ба он ки кадом нуқтаи назарро дуруст меҳисобем, дарси нагузаранда дар ин аст: агарчи атоҳои Рӯҳ ҷузъӣ ва мувaққатианд, самарҳои Рӯҳ абадӣ ва комилтаранд. Агар мо аз рӯи муҳаббат рафтор кунем, ин моро аз истифодаи нодурусти атоҳо, аз мубориза ва ҷудоиҳое ки дар натиҷаи суиистифодаи онҳо пайдо мешаванд, эмин медорад.

**14,1** Алоқа бо боби гузашта аён аст. Масеҳиён даъват шудаанд, ки *дар пайи муҳаббат бошанд.* Яъне онҳо бояд ҳамеша кӯшиш кунанд, то барои дигарон хизмат кунанд. Ҳамчунин онҳо бояд самимона *хоҳони атоҳои рӯҳонӣ* барои ҷамоати худ бошанд. Дуруст аст, ки атоҳоро Рӯҳ мувофиқи салоҳдиди Худ тақсим мекунад, аммо он низ дуруст аст, ки мо метавонем дар хусуси он атоҳое хоҳиш кунем, ки барои ҷамоати маҳаллӣ пурарзиштар ҳастанд. Бинобар ин Павлус изҳори ақида мекунад, ки атои пайғамбарӣ бештар дилхоҳ аст. Сипас вай мефаҳмонад, ки чаро пайғамбарӣ, масалан, аз забонҳо фоиданоктар аст.

**14,2** *Касе ки ба забоне* бе маънидод *сухан меронад,* на барои фоидаи ҷамоат гап мезанад. Суханони вайро *Худо* мефаҳмад, аммо на одамон: охир барои онҳо ин забон бегона аст. Шояд, вай дар хусуси ҳақиқатҳои азиме сухан меронад, ки то ҳол номаълум буданд, аммо суханони вай ҳеҷ хубиеро ба миён намеоваранд, чунки номаълум мемонанд.

**14,3** Баръакс, шахсе ки *пайғамбарӣ мекунад,* ба дигарон қувват медиҳад, рӯҳбаланд мекунад ва тасалло медиҳад. Сабаб дар он аст, ки вай бо забони ба одамон фаҳмо гап мезанад; фарқ маҳз дар ҳамин аст. Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки пайғамбар панд медиҳад, насиҳат мекунад ва тасалло медиҳад, вай таърифи пайғамбариро намедиҳад. Вай фақат зикр мекунад, ки ин натиҷаи баёни мавъиза ба забонест, ки ба одамон маълум аст.

**14,4** Барои сафед кардани бо забонҳо ба тариқи хусусӣ, барои панд додани худ гап задан ояти 4-ро васеъ ба кор мебаранд. Аммо нӯҳ бор дар ин боб такрор шудани калимаи «ҷамоат» (о. 4, 5, 12, 19, 23, 28, 33, 34, 35) хеле боварибахш шаҳодат медиҳад, ки ин ҷо Павлус на ҳаёти дуоии масеҳиро дар хилвати ҳуҷрааш, балки истифодаи забонҳоро дар ҷамоати маҳаллӣ аз назар мегузаронад. Аз матн маълум аст, ки расул истифодаи забонҳоро барои ободкунии худ тамоман ҳимоя намекунад, балки агар он ба дигарон нафъ наоварад, вай дар ҷамоат истифода бурдани ин аторо

маҳкум мекунад. Муҳаббат на дар хусуси худ, балки дар хусуси дигарон фикр мекунад. Агар атои забонҳо бо муҳаббат истифода бурда шавад, он на танҳо ба худ, балки ба дигарон низ нафъ меоварад.

*Касе ки пайғамбарӣ мекунад, ҷамоатро обод мекунад.* Вай бо атои худ чун бартарии шахсии худ худситоӣ намекунад, балки ҳақиқатҳоро бо он забоне мефаҳмонад, ки ҷамоат фаҳмида метавонад.

**14,5** Павлус аз атои забонҳо нафрат надорад; вай дарк мекунад, ки ин атои Рӯҳулқудс аст. Вай аз ҳеҷ ягон чизе ки аз Рӯҳулқудс бармеояд, нафрат карда наметавонист ва нафрат намекард. Ҳангоме вай мегӯяд: *«Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан гӯед»*, вай аз майли худпарастонаи бо худ ва якчанд интихобшудагон маҳдуд кардани миқдори дороёни ато даст мекашад. Хоҳиши вай ба он чи Мусо гуфтааст, монандӣ дорад: «Кошки тамоми қавми Худованд пайғамбарон мебуданд, ва Худованд Рӯҳи Худро ба онҳо равона мекард» (Ад. 11,29). Аммо, инро гуфта, Павлус медонист, ки хости Худо на дар он аст, ки ба ҳар як масеҳӣ худи ҳамон аторо диҳад (ниг. 12,29.30).

Вай онро афзал медонист, ки қуринтиён *пайғамбарӣ* кунанд, чунки бо ин корашон онҳо якдигарро панд медоданд. Агар онҳо бо забонҳо бе маънидод (тарҷума) гап зананд, шунавандагон онҳоро намефаҳманд, ва бинобар ин ҳеҷ нафъе ба даст намеоранд. Павлус *обод карданро* аз намоишкорӣ афзал медонист. *«Чизи таассурот мебахшида барои ҳолати рӯҳонӣ аз чизи ободкунанда камтар аҳамият дорад»* – гуфтааст Келлӣ.[49]

*«Магар ин ки тарҷума ҳам кунад»* маънои онро дорад, ки «магар ин ки шахси бо забонҳо гап мезада маънидод ҳам кунад» ё «магар ин ки каси дигаре тарҷума кунад».

**14,6** Агар худи Павлус ба Қуринтус меомад ва *ба забонҳо сухан* меронд, агар онҳо гуфтаҳои вайро нафаҳманд, суханонаш ба онҳо *фоидае* намеоваранд. Ба онҳо қобилияти махсуси чун *ваҳӣ* ё *дониш* ё *пайғамбарӣ* ё *таълим* дарк намудани гуфтаҳои вай даркор мешуд. Тафсиркунандагон дар он ҳамфикранд, ки *ваҳӣ ва дониш* ба дарки ботинӣ дахл доранд, дар ҳоле ки *пайғамбарӣ ва таълим* – ба ифода намудани ҳамон чиз. Павлус дар ин оят гуфтан мехоҳад, ки ҷамоат фақат ҳамон вақт нафъе ба даст меорад, ки гуфтаҳои хабаррасонро фаҳмад. Дар оятҳои оянда вай инро исбот мекунад.

**14,7** Пеш аз ҳама, вай гуфтаҳояшро дар мисоли асбобҳои мусиқӣ шарҳ медиҳад. То даме ки *най ё чанг садоҳои аз ҳам ҷудо набароранд,* ҳеҷ кас фаҳмида наметавонад, ки *най ё чанг менавозанд.* Худи мафҳуми мусиқии форам фарқ кардани оҳангҳо, навои возеҳ ва тозагии муайяни овозҳоро дар бар мегирад.

**14,8** Худи ҳамин суханонро нисбати *карнай* низ гуфтан мумкин аст. Даъвати силоҳ ба даст гирифтан бояд возеҳу равшан бошад, вагарна ҳеҷ кас *ба ҳарбу зарб омода* намешавад. Агар карнайнавоз хеста, дурудароз як нотаро навохтан гирад, ҳеҷ касро ба ҳарбу зарб намехезонад.

**14,9** *Ҳамчунин суханони* одам. Агар мо суханони нофаҳморо талаффуз кунем, ҳеҷ кас намефаҳмад, ки чӣ мегӯем. Ин ба ҳамон андоза бефоида аст, ки *ба ҳаво сухан* ронем. (Дар ояти 9 калимаи «забон» на забони хориҷӣ, балки узви нутқро дар назар дорад). Дар амал ин маънои онро дорад, ки хизмати таълимдиҳӣ бояд возеҳ ва сода бошад. Агар он ба андозае «чуқур» аст, ки аз фаҳмиши одамӣ болост, он барояшон нафъе намеорад. Он ба нотиқ қаноатмандии муайяне оварда метавонад, аммо ба халқи Худо ёрӣ намерасонад.

**14,10** Павлус ба мисоли дигар мегузарад, ки ҳақиқати баёнкардаашро шарҳ медиҳад. Вай дар хусуси миқдори зиёди *овозҳои гуногун,* яъне забонҳо *дар дунё* мегӯяд, ва ба мавзуе дахл мекунад, ки назар ба забонҳои одамӣ васеътар аст: муоширати дигар мавҷудоти зинда. Шояд, Павлус дар хусуси садоҳои гуногуни парандагон, чиррос ва хур-хури ҳайвонот фикр мекунад. Мо, масалан медонем, ки парандагон ҳангоми ҷуфтшавӣ, ба ҷойҳои дур парвоз кардан ва ғизо хӯрдан садоҳои муайян мебароранд. Ҳайвонот садоҳои махсусе доранд, ки аз хатар огоҳӣ медиҳанд. Павлус ин ҷо фақат изҳор менамояд, ки ҳамаи ин овозҳо маънои муайяни худро доранд. *Ҳеҷ яке аз онҳо бе садои махсусаш нест.* Ҳар яке барои он даркор аст, ки маънои муайянеро ифода кунад.

**14,11** Оиди нутқи инсон низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Агар одам возеҳ сухан наронад, ҳеҷ кас вайро фаҳмида наметавонад. Вай бо ҳамин гуна муваффақият садоҳои номафҳум ва бемаъноро такрор карда метавонад. Кам машғулияте чун кӯшиши фаҳмондани

фикр бо шахсе ки забони туро намефаҳмад, душвор аст.

**14,12** Ҳамаи инро ба назар гирифта, қуринтиён бояд ғайрати худро дар хусуси *атоҳои рӯҳонӣ* бо хоҳиши *ободии ҷамоат* бипайванданд. Ин оятро Моффатт чунин тарҷума мекунад: «Обод кардани ҷамоатро дар саъю кӯшиши худ мақсад қарор диҳед». Ба он диққат диҳед, ки Павлус дар ҳеҷ ҷой онҳоро аз кӯшиши дорои атоҳои рӯҳонӣ шудан дилсард намекунад, балки онҳоро раҳнамой ва насиҳат карданӣ мешавад, то ки онҳо бо истифодаи ин атоҳо ба мақсади олӣ расанд.

**14,13** Агар одам *ба забоне сухан мегӯяд,* вай бояд *дар бораи тарҷумаи он дуо кунад,* яъне дар хусуси он дуо кунад, ки худи вай ё касе онро тарҷума карда тавонад.[50] Шояд, одаме ки дорои атои забонҳост, ҳамчунин атои тафсир карданро дорад, аммо ин, аниқтараш, на қоида, балки истисно аст. Қиёс бо бадани одам вазифаҳои гуногунро барои узвҳои гуногун дар назар дорад.

**14,14** Агар, масалан, одам ҳангоми хизматгузорӣ дар ҷамоат *ба забоне дуо мегӯяд, рӯҳаш дуо мегӯяд* ба он маъно ки эҳсосоти вай роҳи баромад пайдо мекунанд, агарчи на ба забоне ки васеъ истифода мешавад. Лекин *фаҳмиши ман бесамар мемонад.**

**14,15** *Пас чӣ бояд кард?* Ана чӣ: Павлус на танҳо *бо рӯҳ дуо мегӯяд,* балки ҳамон тавре ки онро фаҳмидан мумкин аст. Ҳаминро вай дар назар дорад, ҳангоме *«низ фаҳмо дуо мегӯям»* мегӯяд. Ин маънои онро надорад, ки вай чунон дуо хоҳад гуфт, то худаш худашро фаҳмад. Аниқтараш, вай чунон дуо хоҳад гуфт, ки барои фаҳмидани он ба дигарон ёрӣ диҳад. Ҳамин тавр ӯ *бо рӯҳ суруд мехонад,* ва чунон *суруд мехонад,* ки дигарон ӯро фаҳманд.

**14,16** Ояти додашуда дурустии чунин тафсири ин порчаро пурра тасдиқ мекунад. Агар Павлус на он тавре ки вайро дигарон фаҳмида тавонанд, балки бо рӯҳи худ шукргузорӣ кунад, пас касе ки забони вайро намефаҳмад, чӣ гуна дар охир *«омин»* гуфта метавонад?

*Бехабаре ки дар он ҷо истода бошад,* – шахси дар толор нишаста мебошад, ки забони нотиқро намефаҳмад. Дар омади гап, ояти 16 дар ҷамъомадҳои ҷамоатӣ фаҳмида *«омин»* гуфтанро ҷонибдорӣ мекунад.

**14,17** Ба забони бегона сухан ронда, ҳақиқатан Худоро *шукргузорӣ* кардан мумкин аст, аммо агар каси дигар ҳеҷ чизро нафаҳмад, *обод намешавад.*

**14,18** Расул, аз афташ, *беш аз ҳамаи* онҳо забонҳои хориҷиро медонист. Мо медонем, ки Павлус якчанд забонро аз худ кард, аммо ин ҷо вай, бешубҳа, ба атои забонҳо ишора мекунад.

**14,19** Ба қобилияти барҷастаи забономӯзӣ нигоҳ накарда, Павлус мегӯяд, ки бо фаҳмиши худ** гуфтани панҷ калимаро афзал медонад, яъне тавре ки вайро фаҳманд, аз он ки даҳ ҳазор калимаро ба забоне гӯяд. Вай ба он ҳавасманд нест, ки ин аторо барои худнамоӣ ба кор барад. Мақсади асосии вай – ба масеҳиён ёрӣ расондан аст. Бинобар ин вай қарор додааст чунон сухан ронад, ки дигарон вайро фаҳмида тавонанд.

«Бо фаҳмиши худ» таҳтуллафзан «маро фаҳмидан» тарҷума мешавад. Ин аз сохти грамматикии калимаи юнонӣ маълум мегардад. Маънои он на дар ин аст, ки ман худам мефаҳмам, балки ҳангоме ки ман гап мезанам, дигарон маро мефаҳманд.

Ҳоҷ ишора мекунад, ки ин ҷо матн на ба он вобаста аст, ки худи Павлус суханонашро мефаҳмад ё не, балки оё дигарон вайро мефаҳманд ё не:

*Бовари кас намеояд, ки Павлус Худоро барои он шукр мегуфта бошад, ки атои зиёдтари забонҳоро дорад, агар ин ато дар лаёқати гап задан ба забонҳое мебуд, ки худаш намефаҳмид ва истифодаи онҳо на ба вай нафъе меовард, на ба дигарон. Ҳамчунин аз ин оят возеҳ аст, ки ба забонҳо гап задан на суханронӣ дар ҳолати бехудии ақл аст. Таълими маъмулӣ дар хусуси табиати ато ягона таълимест, ки ба ин порча мувофиқат мекунад. Павлус мегӯяд, ки агарчи ба забонҳои хориҷӣ бештар аз қуринтиён сухан ронда метавонад, вай гуфтани панҷ калимаро бо ақли худ афзал медонад, яъне тавре ки дигарон вайро фаҳманд, назар ба он ки даҳ ҳазор калимаро ба забоне гӯяд. Дар калисо, яъне дар ҷамоат, ки он ҷо ӯ метавонист дигаронро таълим диҳад, яъне насиҳат кунад (Ғал. 6,6). Аз ин ҷо аён аст, ки «бо фаҳмиши худ гуфтан» чӣ маъно дорад, – чунон сухан рондан, то ки насиҳат расонида шавад.*[51]

* Аз King James Version гирифта шудааст.

** Аз тарҷумаи англисӣ гирифта шудааст.

**14,20** Сипас Павлус қуринтиёнро аз ноболиғии тафаккурашон огоҳӣ медиҳад. Кӯдакон на кори фоиданок, балки вақтхуширо, на чизи мустаҳкам, балки чизи назарраборо афзал медонанд. Павлус мегӯяд: «Аз ин атоҳои назаррас, ки барои худситоӣ истифода мебаред, чун кӯдакон хурсанд нашавед. Ба маънои муайян шумо бояд чун кӯдакон бошед – нисбат ба бадӣ. Аммо дар ҳама чизи дигар шумо бояд чун одамони болиғ фикр кунед».

**14,21** Расул Ишаъёро иқтибос оварда, нишон медиҳад, ки атои забонҳо аломат барои беимонон аст. Худо гуфтааст, ки азбаски Исроил хабари Ӯро рад кард ва хор шумурд, Ӯ бо он ба забони бегона сухан хоҳад ронд (Хур. 28,11). Ин ҳамон вақт иҷро шуд, ки ашшуриён ба Исроил зада даромаданд, ва исроилиён дар байни худ забони ашшуриро шуниданд. Ин барои онҳо аломат буд – аломати он ки онҳо Каломи Худоро рад карданд.

**14,22** Ин ҷо исбот карда мешавад, ки Худо *забонҳоро аломат барои беимонон* муқаррар намудааст, бинобар ин қуринтиён набояд исрор намоянд, ки онҳоро дар ҷамъомадҳои масеҳиён озодона истифода баранд. Беҳтар мебуд, ки онҳо *пайғамбарӣ* мекарданд, чунки пайғамбарӣ шаҳодат *на барои беимонон,* балки барои масеҳиён аст.

**14,23** *Агар тамоми ҷамоат дар як ҷо ҷамъ шавад, ва ҳамаи* масеҳиён *ба забонҳо* бе тарҷума *сухан гӯянд,* меҳмонони меомада дар хусуси ин чӣ фикр мекунанд? Ин барои онҳо шаҳодат нахоҳад буд; онҳо, аниқтараш, чунин фикр мекунанд, ки муқаддасон аз ақл бегона шудаанд.

Байни ояти 22 ва оятҳои 23-25 ихтилофи зоҳирӣ ҳаст. Дар ояти 22 гуфта шудааст, ки забонҳо аломат барои беимонон аст, дар ҳоле ки пайғамбарӣ барои масеҳиён аст. Аммо дар оятҳои 23-25 Павлус мегӯяд, ки забонҳои дар ҷамоат истифода мешуда метавонанд беимононро музтариб кунанд ва ба озмоиш дучор намоянд, дар ҳоле ки пайғамбарӣ ба онҳо ёрӣ дода метавонад.

Ин ихтилофи зоҳирӣ чунин шарҳ дода мешавад: Беимонон дар ояти 22 онҳое мебошанд, ки Каломи Худоро рад кардаанд, онҳое ки дили худро барои ҳақиқат маҳкам кардаанд. Забонҳо аломати доварии Худо бар онҳост, чунон ки онҳо дар Ишаъё барои Исроил аломат буданд (о. 21). Аммо дар оятҳои 23-25 сухан дар бораи он беимононе меравад, ки омӯхтан мехоҳанд. Онҳо барои Каломи Худо кушода ҳастанд, ки дар ҷамъомади масеҳиён ҳузур доштанашон дар хусуси ин шаҳодат медиҳад. Агар онҳо ба забонҳои хориҷӣ бе тарҷума сухан рондани масеҳиёнро шунаванд, ин ба онҳо ёрӣ намедиҳад, балки халал мерасонад.

**14,24** Агар бегонагон ба ҷамъомаде меомада бошанд, ки масеҳиён ба забонҳо гап намезананд, балки пайғамбарӣ мекунанд, онҳо суханони гуфташударо мешунаванд ва мефаҳманд; ин гуна одам *ба воситаи ҳама маҳкум мешавад, ба воситаи ҳама доварӣ карда мешавад.* Расул ин ҷо таъкид мекунад, ки маҳкумкунии ҳақиқии гуноҳ бе фаҳмидани суханҳои гуфташуда имкон надорад. Ҳангоме ки забонҳо бе тафсир ба кор бурда мешаванд, шунавандагон бе ёрдам мемонанд. Пайғамбарикунандагон бошанд ба забоне сухан меронанд, ки он замон дар он маҳал маъмул аст, ва дар натиҷа гуфтаҳои сухангӯй ба шунавандагон таассурот мебахшад.

**14,25** Ба шарофати пайғамбарӣ *сирҳои дили* ин шахс *ошкор мегардад.* Вай ҳис мекунад, ки сухангӯӣ бевосита ба вай муроҷиат мекунад. Рӯҳи Худо вайро мазаммат мекунад. *Вай рӯ ба замин ниҳода, ба Худо саҷда мекунаду мегӯяд: «Ҳақиқатан Худо дар миёни шумост».*

Ҳамин тариқ, дар оятҳои 22-25 Павлус нишон медиҳад, ки забонҳо бе тафсир дар байни беимонон маҳкумиятро ба амал намеорад, дар ҳоле ки пайғамбарӣ инро мекунад.

**14,26** Дар ҷамоат суиистифодаҳои вобаста ба атои забонҳо пайдо шуданд, бинобар ин лозим буд, то Рӯҳулқудс қоидаҳои муайянеро муқаррар намояд, ки имкон диҳанд ин ато зери назорат гирифта шавад. Ин гуна қоидаҳо дар оятҳои 26-28 баён шудаанд.

Ҳангоме ки Ҷамоати ибтидоӣ *ҷамъ* мешуд, чӣ ҳодиса рух медод? Аз ояти 26 аён аст, ки ҷамъомадҳо хеле озодона ва ғайрирасмӣ мегузаштанд. Рӯҳи Худо метавонист атоҳои гуногунеро, ки ба аъзоёни Ҷамоат додааст, озодона ба кор барад. Як кас, масалан, *таронае аз Забур* мехонд, дигаре бо *таълиме* баромад мекард. Сеюмӣ ба забони хориҷӣ сухан меронд. Боз як каси дигар метавонист дар хусуси ваҳйе ки бевосита аз Худованд гирифтааст, гап занад. Касе суханони ба забоне гуфташударо тарҷума мекард. Павлус ин «ҷамъомадҳои кушод»-ро,

ки Рӯҳи Худо он ҷо ба воситаи бародарони гуногун озодона гап зада метавонист, хомӯшона маъқул медонад. Аммо дар хусуси ин гап зада, Павлус талаби якумро дар хусуси назорат бар истифодаи атоҳо пешкаш мекунад. Ҳама чиз бояд *барои обод кардан* хизмат кунад. Барои ҳама гуна чизи таъсирбахш ва диққатҷалбкунанда дар ҷамоат ҷой нест. Барои қобили қабул будан хизмат бояд барои тақвияти халқи Худо ёрӣ расонад. *Обод кардан* гуфта нашъунамои рӯҳонӣ дар назар дошта шудааст.

**14,27** Талаби дуюм – ба забонҳо бояд на зиёда аз *се нафар* сухан ронад. *Агар касе ба забоне сухан мегуфта бошад, ду нафар, ё бисёраш се нафар.* Мумкин нест, ки бисёр аъзоёни ҷамоат дар ҷамъомад барои намоиш додани донистани забони хориҷӣ иштирок кунанд.

Сипас мо мефаҳмем, ки ду нафар ё се нафар, ки барояшон дар ҷамъомад ба забонҳо гап задан иҷозат дода шудааст, бояд инро *ҷудо-ҷудо* ба ҷо оваранд, яъне на якбора, балки бо навбат гап зананд. Ин барои барканор будан аз ҳарҷу марҷ ва бетартибие ки ҳангоми баробар гап задани якчанд кас ба миён меояд, ёрӣ мерасонад.

Талаботи чорум – бояд тарҷумоне бошад: *ва касе тарҷума кунад.* Агар шахс барои ба забони хориҷӣ сухан рондан бархезад, бигзор аввал боварӣ ҳосил кунад, ки дар байни ҳозирон шахсе ҳаст, ки суханони вайро тарҷума карда метавонад.

**14,28** *Ва агар тарҷумон набошад,* вай бояд *дар ҷамоат хомӯш монад.* Дар ҷамъомад нишаста, беовоз *ба худ ва ба Худо ба ин забон сухан* гуфтани ӯ мумкин аст, аммо бо овози баланд гуфтанаш мумкин нест.

**14,29** Принсипҳои идора кардани атои пайғамбарӣ дар оятҳои 29-33а оварда мешаванд. Пеш аз ҳама, *ду ё се* пайғамбар сухан гуфта метавонанд, *ва дигарон* бояд *муҳокима кунанд.* На зиёда аз се пайғамбар метавонанд дар як хизматгузорӣ иштирок кунанд, ва масеҳиёне ки онҳоро мешунаванд, бояд муқаррар кунанд, ки оё суханони онҳо аз Худост ё ин одам пайғамбари дурӯғин аст.

**14,30** Чунон ки зикр карда будем, пайғамбар хабарро бевосита аз Худованд қабул мекунад ва онро ба ҷамоат мерасонад. Аммо, шояд, вай ин хабарро расонда, мавъиза карданро давом диҳад. Бинобар ин расул қоидаеро муқаррар мекунад: агар пайғамбар сухан гӯяд, *аммо агар ба шахси дигаре аз нишастагон ваҳй ояд,* пас аввалӣ бояд биистад ва ба дигаре ки ваҳйи нав гирифтааст, ҷой диҳад. Сабаб, чунон ки тахмин мекунанд, дар он аст, ки ҳар қадаре аввалӣ бештар сухан гӯяд, ҳамон қадар бештар майл дорад, ки на аз рӯи ваҳй, балки аз худ бигӯяд. Дар суханронии тулонӣ ҳамеша хатари аз суханони Худо ба суханони худ гузаштан ҳаст. Ваҳй аз ҳама чиз болотар аст.

**14,31** Пайғамбарон бояд имкон дошта бошанд *ҳама пайи ҳам* сухан гӯянд. Ҳеҷ кадоми онҳо набояд тамоми вақтро гирад. Ҳамин тариқ, ҷамоат нафъи бештар ба даст меорад – *ҳама таълим мегиранд* ва ҳама насиҳату *тасаллӣ меёбанд.*

**14,32** Дар ояти 32 принсипи хеле муҳим гузошта мешавад. Байни сатрҳо хонда, мо тахмин карда метавонем, ки дар байни қуринтиён тасаввуроти бардурӯғе буд, гӯё ҳар қадар Рӯҳулқудс одамро бештар фаро гирад, ин одам худро ҳамон қадар камтар идора мекунад. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки вай ба ҳолати ваҷд меафтад, ва чунон ки Годет мегӯяд, изҳор менамуданд, ки ҳар қадар рӯҳ бештар бошад, ҳамон қадар иштироки ақл ё худшиносӣ кам мешавад. Мувофиқи ақидаи онҳо, одам таҳти тасарруфи Рӯҳ ғайрифаъол аст, вай нутқи худро, давомнокии онро ва ё умуман рафтори худро идора карда наметавонад. Порча аз Навишта, ки мо таҳлил мекунем, ин гуна тасаввуротро пурра рафъ мекунад. *Рӯҳҳои пайғамбарон дар итоати пайғамбарон мебошанд.* Ин чунин маъно дорад, ки рӯҳ бе розигии одам ё бархилофи иродааш вайро фаро намегирад. Вай наметавонад насиҳатҳои дар ин боб баёншударо нодида гирад, ё чунин вонамуд кунад, ки ҳеҷ кор карда наметавонист. Вай худаш муқаррар мекунад, ки гап мезанад ё не, ва агар ҳа, пас чӣ қадар.

**14,33** *Чунки Худо Худои бетартибӣ нест, балки Худои осоиш аст.* Дигар хел карда гӯем, агар ҷамъомад ба бетартибӣ ва бесарусомонӣ табдил ёбад, метавонед боварӣ дошта бошед, ки Рӯҳулқудс онро идора намекунад!

**14,34** Чунон ки хуб маълум аст, ба оятҳо ҷудо кардани Аҳди Нав ва ҳатто аломатҳои китобатӣ садсолаҳо баъд аз навишта шудани дастнависҳои аслӣ ҷорӣ карда шудаанд. Агар ҷумлаи охирини ояти 33 на ҳақиқати умумиро дар хусуси Худои ломакон баён мекард, балки ба корҳои ҷамоатӣ дар ояти 34 дахлдор мебуд,

маънои бештаре медошт. (Дар баъзе нусхаҳои юнонии Аҳди Нав ва тарҷумаҳои русӣ ва англисӣ аломатҳои китобатӣ маҳз ҳамин тавр гузошта шудаанд.) Дар ин ҳолат оят чунин садо медиҳад: «Чунон ки дар ҳамаи ҷамоатҳои муқаддасон ҳаст, бигзор занони шумо дар ҷамоатҳо хомӯш бошанд; зеро раво нест, ки сухан ронанд, балки бояд мутеъ бошанд, чунон ки Таврот низ мегӯяд». Насиҳате ки Павлус ба муқаддасони Қуринтус медиҳад, на фақат ба онҳо дахл дорад. Худи ҳамон насиҳатҳо ба *ҳамаи ҷамоатҳои муқаддасон* нигаронида шудаанд. Аҳди Нав доимо шаҳодат медиҳад, ки агарчи хизматгузории занон гуногуншакл ва пурқимат аст, онҳо дар хизматгузории тамоми ҷамоат вазифаи намоёнро надоранд. Ба онҳо кори хеле муҳим дар хона ва тарбияи кӯдакон супорида шудааст. Аммо ба онҳо иҷозат дода нашудааст, ки дар ҷамоат сухан ронанд. Вазифаи онҳо ба мардон итоат кардан аст.

Мо чунин меҳисобем, ки *«чунон ки Таврот низ мегӯяд»* ба итоати зан ба мард дахл дорад. Таврот, яъне Панҷкитоби Мусо, возеҳан ҳаминро таълим медиҳад. Масалан, Ҳастӣ 3,16 мегӯяд: «Ва иштиёқи ту ба шавҳарат хоҳад буд, ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард».

Аксар вақт изҳор менамоянд, ки Павлус дар ин оят ба занҳо ҳангоми хизматгузорӣ лаққидан ё ғайбат карданро манъ мекунад. Аммо ин гуна маънидод нодуруст аст. Калимае ки ин ҷо чун «сухан рондан» («лалео») тарҷума шудааст, дар юнонӣ маънои «лаққидан»-ро надошт. Худи ҳамин калима дар ояти 21-уми ин боб ва ҳамчунин дар Ибриён 1,1 дар мавриди суханронии Худо истифода мешавад. Маънои он «боэътибор сухан рондан» аст.

**14,35** Амалан ба зан иҷозат дода намешавад, ки ҳангоми хизматгузорӣ дар ҷамоат савол диҳад. *«Лекин агар онҳо хоҳанд чизе ёд гиранд, бигзор дар хона аз шавҳари худ пурсанд»*. Баъзе занҳо саволҳо дода, ба манъи зикршуда итоат накарданӣ мешаванд. Ҳатто саволҳо дода, насиҳат кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ин оят пеши роҳи ҳама гуна рахнаҳо ва эътирозҳоро мебандад.

Агар пурсанд, ки чӣ гуна ин оят нисбати занони бешавҳар ва ё бевазанон истифода мешавад, ҷавоб чунин хоҳад буд: Навишта ҳар як мавриди ҷузъиро дида намебарояд, балки принсипҳои умумиро муқаррар мекунад. Агар зан шавҳар надошта бошад, вай метавонад аз падараш, бародараш ё яке аз пирони ҷамоат пурсад. Дар асл ин оятро чунин тарҷума кардан мумкин аст: «Бигзор дар хона аз мардони худ бипурсанд».[52] Қоидаи асосиро бояд дар ёд дошт: *дар ҷамоатҳо сухан гуфтани зан шармовар аст.*

**14,36** Аз афташ, расул Павлус мефаҳмид, ки ин таълим боиси мунозираҳои зиёд мешавад. То чӣ андоза ҳақ ба ҷониби вай буд! Ба ин гуна эътирозҳо ҷавоб дода, вай дар ояти 36 ба таври истеҳзо мепурсад: *«Магар Каломи Худо аз шумо баромадааст? Ё он танҳо ба шумо расидааст?»* Дигар хел карда гӯем, агар қуринтиён изҳор кунанд, ки дар хусуси ин аз расул бештар медонанд, вай мепурсад, ки оё *Каломи Худо* дар ҷамоати онҳо арзи ҳастӣ намудааст ва ё онҳо ягона касоне мебошанд, ки онро гирифтаанд. Мавқеи онҳо аз он шаҳодат медод, ки онҳо худро дар ин масъалаҳо дорои эътибори расмӣ меҳисобиданд. Аммо дар амал Каломи Худо дар ҳеҷ кадом ҷамоат ибтидо наёфтааст, ва ҳеҷ кадом ҷамоат ба он ҳуқуқи фавқулода надорад.

**14,37** Расул дар робита бо ҳамаи насиҳатҳои овардашуда ин ҷо таъкид мекунад, ки на идеяҳо ё маънидодҳои худро, балки *фармудаҳои Худовандро* баён кардааст, ва ҳар гуна одаме ки *пайғамбари* Худованд ё ҳақиқатан *рӯҳонӣ* бошад, бояд инро *фаҳмад*. Ин оятро ҷавоби кофӣ ба онҳое шуморидан мумкин аст, ки исрор менамоянд, гӯё баъзе таълимҳои Павлус, хусусан онҳое ки ба занон дахл доранд, хурофоти шахсии вайро ифода мекарда бошанд. Инҳо на ақидаҳои хусусии Павлус, балки *фармудаҳои Худованд* мебошанд.

**14,38** Албатта, баъзеҳо онҳоро қабул кардан намехоҳанд, бинобар ин расул илова мекунад: *«Ва агар касе нафаҳмад, бигзор нафаҳмад»*. Агар шахс илҳоми илоҳӣ доштани ин насиҳатҳоро эътироф кардан ва дар назди онҳо итоаткорона сар хам кардан нахоҳад, вай ба ғайр аз давом додани ҳаёт дар беимонӣ интихоби дигаре надорад.

**14,39** Барои ҷамъбаст кардани насиҳатҳои пештара дар хусуси атоҳо Павлус ҳозир ба бародарон маслиҳат медиҳад, ки *хоҳони пайғамбарӣ* кардан *бошанд,* аммо *бо забонҳо сухан гуфтанро манъ накунанд.* Ояти 39 аҳамияти нисбии ин атоҳоро нишон медиҳад: якеро хоҳон бошанд, дигарашро бошад – манъ накунанд. Пайғамбарӣ аз забонҳо арзишноктар аст,

чунки гуноҳкоронро фош мекунад ва муқаддасонро насиҳат медиҳад. Забонҳо бе тарҷума фақат ба ду чиз хизмат мекунанд: ба Худо дар хусуси худ гуфтан ва намоиш додани дониши забони хориҷӣ, ки Худо додааст.

**14,40** Павлус суханони охирини насиҳатро мегӯяд: *ҳамааш бояд бо тартибу интизом ба амал ояд*. Муҳим аст, ки ин қоида дар ин боб ҷойгир карда шудааст. Дар давоми солҳои зиёд онҳое ки дар хусуси қобилияти ба забонҳо сухан рондан изҳор менамуданд, дар ҷамъомадҳои худ он қадар интизомнок набуданд. Баръакс, бисёр ҷамъомадҳои онҳо ҷои изҳори назоратнашавандаи эҳсосот ва бетартибии умумӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, қоидаҳои назорати истифодаи забонҳоро дар ҷамоатҳои маҳаллӣ, ки Павлус пешкаш мекунад, ҷамъбаст мекунем:

1. Мо набояд истифодаи забонҳоро манъ кунем (ояти 39).
2. Агар шахс ба забоне сухан ронад, бояд тарҷумоне бошад (о. 27.28).
3. Ба забонҳо дар як ҷамъомад на зиёда аз се кас бояд гап зананд (о. 27).
4. Онҳо бояд бо навбат гап зананд (о. 27).
5. Суханони онҳо бояд обод кунанд (о. 26).
6. Занон бояд хомӯш бимонанд (о. 34).
7. *Ҳамааш бояд бо тартибу интизом ба амал ояд* (о. 40).

Ҳамаи ин қоидаҳо барои ҷамоатҳои имрӯза низ арзиши нагузаранда доранд.

## IV. ҶАВОБИ ПАВЛУС БА ИНКОРКУНАНДАГОНИ РАСТОХЕЗ (Б. 15)

Ин боби бузургтаринест, ки ба растохез бахшида шудааст. Ба ҷамоати Қуринтус баъзе муаллимон омаданд, ки имконияти растохези ҷисмониро рад мекарданд. Онҳо факти ҳаётро пас аз марг инкор намекарданд, аммо, аз афташ, тахмин мекарданд, ки мо чун мавҷудоти рӯҳонӣ ба маънои таҳтуллафзӣ бадан нахоҳем дошт. Ин ҷо расул ба ин гуна инкор ҷавоби олидараҷа медиҳад.

### А. Бешубҳагии растохез (15,1-34)

**15,1-2** Павлус ба онҳо дар хусуси Хушхабар хотиррасон мекунад, ки вай ба онҳо *башорат* додааст, ва онҳо онро *қабул кардаанд,* ва дар он *устувор* ҳастанд. Ин барои қуринтиён таълимоти нав набуд, аммо дар лаҳзаи бӯҳронӣ онро ёдрас намудан лозим буд. Маҳз бо ҳамин *Инҷил* онҳо наҷот ёфтаанд. Сипас Павлус илова мекунад: «*... ба шарте ки он чиро, ки ба шумо башорат додаам, риоя кунед, ба шарте ки имонатон бар абас набошад*». Онҳо бо Хушхабари растохез наҷот ёфтаанд – ба шарте ки растохез буда бошад, вагарна онҳо умуман наҷот ёфта наметавонистанд. *«Ба шарте ки»* дар ин оят шубҳаро дар наҷот ёфтани онҳо ифода намекунад, он ҳамчунин маъноеро надорад, ки онҳо он чиро ки таълим дода шудааст, риоя карда, наҷот ёфтаанд. Павлус ин ҷо фақат изҳор мекунад, ки агар растохез намебуд, онҳо наҷот ёфта наметавонистанд. Дигар хел карда гӯем, онҳое ки растохези ҷисмониро рад мекунанд, ба тамоми ҳақиқати Хушхабар ҳуҷуми васеъро сар мекунанд. Барои Павлус растохез асос буд. Бе он масеҳият намебуд. Ҳамин тариқ, оят қуринтиёнро водор мекунад, ки ба ҳуҷумҳои бар зидди онҳо саршуда нигоҳ накарда, Хушхабари қабулкардаашонро қавӣ нигоҳ доранд.

**15,3** Павлус ба қуринтиён ҳамон хабареро *супурдааст,* ки худаш *низ* ба воситаи ваҳйи илоҳӣ *қабул кардааст*. Қоидаи якуми муҳими ин таълимот аз он иборат аст, ки *Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд*. Хусусияти ивазкунандаи марги Масеҳ бо ин таъкид карда мешавад. Ӯ на барои гуноҳҳои Худ мурд, на чун риёзаткаш; Ӯ *барои гуноҳҳои мо мурд*. Ӯ мурд, то ки ҷазои сазоворро *барои гуноҳҳои мо* ба Худ гирад. Ҳамаи ин *мувофиқи Китоб* ба амал омад. *Навиштаҳо* гуфта ин ҷо Аҳди Қадим дар назар дошта шудааст, чунки Аҳди Нав дар шакли анҷомёфтаи хаттӣ ҳанӯз набуд. Оё ҳақиқатан Навиштаи Аҳди Қадим пешгӯӣ мекард, ки Масеҳ барои гуноҳҳои мо мемурад? Ҷавоб равшан аст: «Ҳа!» Фақат порчаи Ишаъё 53,5.6 барои исбот кофист.

**15,4** Дафни Масеҳ дар Ишаъё 53,9 пешгӯӣ шудааст, растохези Ӯ бошад – дар Забур 15,10. Зикр кардан муҳим аст, ки Павлус ба шаҳодати *Китоб* аҳамияти калон медиҳад. Он чиро, ки ба имони мо дахл дорад, ҳамеша ҳамин гуна санҷидан лозим аст: «Китоб дар ин бора чӣ мегӯяд?»

**15,5** Дар оятҳои 5-7 онҳое номбар шудаанд, ки растохезро бо чашмони худ дидаанд.

Пеш аз ҳама Худованд *ба Кифо* (Петрус) *зоҳир шуд.* Ин ҳақиқатан ҳаяҷоновар аст. Ба худи ҳамон шогирди бевафо, ки се бор Худовандро инкор кард, шарафи шахсан бо Худованди зиндашуда воҳӯрдан насиб гаштааст! Файзи Худованд Исои Масеҳ чӣ хел бузург аст! *Баъд* Худованд ба *дувоздаҳ* шогирд зоҳир шуд. Дар асл ҳамаи дувоздаҳ нафар он вақт якҷоя набуданд, аммо калимаи «дувоздаҳ» ин ҷо умуман шогирдонро ифода мекунад, агарчи маҳз дар ҳамин лаҳза на ҳамаи онҳо буданд. Бояд гуфт, ки ин ҷо на ҳамаи зоҳиршавиҳои дар Инҷил навишташуда ишора шудаанд. Рӯҳи Худо он зоҳиршавиҳоеро интихоб намуд, ки беш аз ҳама ба мақсади Ӯ мувофиқат мекунанд.

**15,6** Зоҳиршавии Худованд *ба зиёда аз панҷсад бародар,* аз рӯи ақидаи васеъ паҳншуда, дар Ҷалил рух дод. Дар он вақте ки Павлус номаро менавишт, қисми зиёди ин бародарон ҳанӯз барҳаёт буданд, агарчи баъзеҳояшон аллакай ба хона рафта буданд, то бо Худованд бошанд. Дигар хел карда гӯем, агар касе мехост ҳаққонияти гуфтаҳои Павлусро зери шубҳа гузорад, шоҳидон ҳанӯз зинда буданд, ва аз онҳо пурсидан мумкин буд.

**15,7** Донистан имкон надорад, ки ин ҷо дар хусуси кадом *Яъқуб* сухан меравад, агарчи аксарият чунин меҳисобанд, ки сухан дар бораи бародари Худованд меравад. Ояти 7 ҳамчунин ба мо мегӯяд, ки Худованд *ба ҳамаи расулон зоҳир шуд.*

**15,8** Сипас Павлус дар хусуси воҳӯрии худ бо Масеҳи зиндашуда хабар медиҳад. Ин дар роҳи Димишқ ба амал омад, ҳангоме ки вай нури бузургеро аз осмон дид ва Масеҳи ҷалолёфтаро рӯ ба рӯ дид. *«Тифли норасид»* маънои «афгона» ё «пеш аз вақт зодашуда»-ро дорад. Вайн инро чунин мефаҳмонад, ки Павлус худро дар муқоиса бо дигар расулон поёнтар меҳисобад, чунон ки тифли пеш аз вақт зодашуда аз кӯдаки дар вақташ зодашуда камӣ дорад. Ба ҳаёти гузашта, ки он вақт вай таъқибкунандаи Ҷамоат буд, назар андохта, вай ин калимаро барои сарзаниш кардани худ ба кор мебарад.

**15,9** Оиди он шарафе ки ба вай зоҳир карда шуд – Наҷотдиҳандаро рӯ ба рӯ дидан – фикр карда, расул бо ҳисси ҳеҷ будани худ фаро гирифта мешавад. Вай дар хусуси он фикр мекунад, ки *Ҷамоати Худовандро таъқиб мекард,* ва бо вуҷуди ин Худованд вайро чун расул даъват намуд. Бинобар ин вай сари таъзим фурӯд меорад ва худро *«хурдтарини расулон»* меҳисобад, ки *«сазовори он* нест, то *расул номида шавад».*

**15,10** Вай эътироф мекунад, ки вай ҳозир касе ки бошад, *ба файзи Худо* ҳамин хел аст. Ва вай ин файзро на чун як чизе қабул кардааст, ки бояд бошад. Баръакс, он бар вай ӯҳдадории бузургтарин гузошт, ва вай барои хизмат кардан ба Масеҳе ки вайро наҷот додааст, монда нашуда меҳнат мекард. Аммо дар асл на худи Павлус, балки *файзи Худо,* ки бо вай буд, чунин меҳнат мекард.

**15,11** Ин ҷо Павлус худро ба расулони дигар ҳамроҳ мекунад ва изҳор менамояд, ки ҳамаи онҳо дар шаҳодати худ дар хусуси Хушхабар, хусусан растохези Масеҳ, як ҳастанд.

**15,12** Дар оятҳои 12-19 Павлус натиҷаҳои рад кардани растохези ҷисмониро номбар мекунад. Пеш аз ҳама ин маънои онро медошт, ки Худи Масеҳ зинда нашудааст. Мантиқи Павлус ин ҷо раднопазир аст. Баъзеҳо мегуфтанд, ки растохези ҷисмонӣ нест. Хуб, мегӯяд Павлус, агар чунин бошад, пас Масеҳ низ зинда нашудааст. Оё шумо, қуринтиён, инро эътироф кардан мехоҳед? Албатта, не. Барои исботи имкон доштани ҳар гуна факт исбот кардан лозим аст, ки ин аллакай боре шуда буд. Факти растохези ҷисмониро исбот намуда, Павлус инро бо он асоснок мекунад, ки *Масеҳ* аллакай *аз мурдагон бархест.*

**15,13** Аммо *агар растохези мурдагон набошад,* пас аён аст, ки *Масеҳ низ барнахестааст.* Ин гуна хулоса қуринтиёнро ба андӯҳи беандоза ва руҳафтодагӣ меандохт.

**15,14** *Ва агар Масеҳ барнахеста бошад, мавъизаи* расулон *низ беҳуда,* ё бемазмун *аст.* Чаро *беҳуда аст?* Аввалан, Худованд Исо ваъда дод, ки дар рӯзи сеюм зинда мешавад. Агар Ӯ дар ин вақт зинда нашуда бошад, Ӯ ё дурӯғ мегуфт, ё хато мекард. Дар ҳама ҳолат вай лоиқи боварӣ намебуд. Сониян, бе растохези Масеҳ наҷот намебуд. Агар Худованд Исо аз мурдагон зинда нашуда бошад, чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст, ки марги Ӯ назар ба марги ҳар гуна одами дигар ақаллан аз ягон ҷиҳат арзишноктар буд ё не. Аммо Ӯро аз мурдагон зинда намуда, Худо шаҳодат дод, ки аз кори наҷотдиҳандаи Масеҳ пурра қаноатманд аст.

Бешубҳа, агар хабари расулон дурӯғ мебуд, пас *имон* низ бар абас аст. Ба хабари

беҳуда ё бардурӯғ боварӣ кардан маъно надорад.

**15,15** Гап на танҳо дар он буд, ки расулон хабари бардурӯғро мавъиза мекарданд; ин дар асл маънои онро медошт, ки онҳо бар зидди *Худо* шаҳодат медиҳанд. Онҳо *шаҳодат* медоданд, *ки Ӯ Масеҳро* аз мурдагон *бархезондааст.* Агар Худо инро накарда бошад, пас расулон шоҳидони *дурӯғин* ҳастанд.

**15,16** Агар растохез мутлақо ғайриимкон аст, пас ҳеҷ истисное буда наметавонад. Аз дигар тараф, агар растохез боре ба амал омада бошад, масалан бо Масеҳ, пас онро аллакай ғайриимкон ҳисобидан мумкин нест.

**15,17** *Ва агар Масеҳ аз мурдагон барнахеста бошад, имони* масеҳиён *беҳуда аст* ва қуввате надорад. Ва бахшидашавии *гуноҳҳо* нест. Ҳамин тариқ, растохезро рад кардан – рад кардани арзиши кори кардаи Масеҳ аст.

**15,18** Агар сухан дар бораи масеҳиёне равад, ки *дар Масеҳ* мурдаанд, ҳолати онҳо тамоман ноумедона мебуд. Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, имони онҳо бефоида буд. Ин оят (дар баъзе тарҷумаҳо дар хусуси «дар Масеҳ хобидагон» гуфта) ҷисмҳои масеҳиёнро дар назар дорад. Аҳди Нав дар ҳеҷ ҷой нисбати ҷон калимаи хобиданро ба кор намебарад. Ҷони масеҳӣ ҳангоми марг меравад, то бо Масеҳ бошад, дар ҳоле ки ҷисм, чунон ки ин ҷо гуфта шудааст, дар қабр хобидааст.

Оиди феъли *«нобуд шудаанд»* низ баъзе чизҳо гуфтан лозим аст. Он ҳеҷ гоҳ маънои «пурра аз байн рафтанд», «мавҷудиятро бас карданд»-ро надошт. Чунон ки Вайн ишора мекунад, вай на гум кардани мавҷудият, балки гум кардани некӯаҳволиро ифода мекунад. Ин ҷо дар хусуси нобуд шудан ба маънои нобуд шудани мақсаде гуфта мешавад, ки одам ё чиз аз боиси он офарида шуда буд.

**15,19** Агар Масеҳ зинда нашуда бошад, пас масеҳиёни зинда дар ҳамон ҳолати баде мебошанд, ки масеҳиёни мурда ҳастанд. Онҳоро низ фиреб додаанд. Онҳо аз *ҳамаи одамон бадбахттаранд.* Павлус, бешубҳа, дар хусуси он андӯҳҳо, уқубатҳо, санҷишҳо ва таъқиботе фикр мекунад, ки масеҳиён аз сар мегузаронданд. Ба хотири мақсадҳои бардурӯғ ба ин балоҳо гирифтор шудан беақлӣ мебуд.

**15,20** Шиддатнокӣ суст мешавад, ҳангоме ки Павлус ботантана дар хусуси растохези Масеҳ ва натиҷаҳои баракатноки он эълон мекунад. *Аммо Масеҳ аз мурдагон бархеста, навбари онҳое гардид, ки ба хоби марг рафтаанд.* Навишта байни растохези мурдагон ва растохез аз мурдагон фарқ мегузорад. Дар оятҳои гузашта дар хусуси растохези мурдагон гуфта мешуд. Дигар хел карда гӯем, Павлус исбот мекард, ки мурдагон умуман зинда мешаванд. Аммо Масеҳ *аз* мурдагон бархост. Ин чунин маъно дорад, ки ҳангоме Ӯ зинда шуд, на ҳамаи мурдагон зинда шуданд. Ба ин маъно растохез маҳдуд буд. Ҳар як растохез растохези мурдагон аст, аммо фақат растохези Масеҳ – растохез *аз* мурдагон.

**15,21** *Ба воситаи инсон* ба ҷаҳон *марг* ворид шуд. Ин *инсон* Одам буд. Ба воситаи гуноҳи вай марг ба ҳамаи инсонҳо омад. Худо ба ҷаҳон Писари Худро дар шакли *Инсон* фиристод, то натиҷаҳои кори кардаи инсони якумро нобуд кунад ва имондоронро то чунон дараҷаи хушбахтӣ бардорад, ки онро ҳангоми дар Одам будан ҳеҷ гоҳ ҳис карда наметавонистанд. Ҳамин тариқ, ба воситаи *Инсон* Исои Масеҳ – *растохези мурдагон омад.*

**15,22** *Одам* ва *Масеҳ* ин ҷо чун сарварони давлатҳо нишон дода шудаанд. Ин чунин маъно дорад, ки онҳо аз номи одамони дигар амал мекарданд ва амалҳои онҳо ба ҳама касони бо онҳо алоқаманд таъсир мекунанд. Ҳамаи онҳое ки аз Одам ба вуҷуд омадаанд, *мемиранд. Ончунон дар Масеҳ ҳама зинда мешаванд.* Ин оятро баъзан чун далели таълим дар хусуси наҷоти умумӣ оварда, изҳор менамоянд, ки маҳз онҳое ки дар Одам мурдаанд, дар Масеҳ зинда мешаванд ва, эҳтимол, наҷот меёбанд. Аммо оят на дар хусуси ин мегӯяд. Калимаҳои асосӣ дар он *«дар Одам»* ва *«дар Масеҳ»* мебошанд. Ҳамаи онҳое ки *дар Одам* мебошанд, *мемиранд. Ҳамаи* онҳое ки *дар Масеҳ* мебошанд, *зинда мешаванд,* яъне фақат онҳое ки ба Худованд Исои Масеҳ имон доранд, барои абадан ҳамроҳи Ӯ зистан аз мурдагон бармехезанд. Ҳамаи касоне ки зинда мешаванд, дар ояти 23 чун онҳое муайян карда мешаванд, ки ҳангоми бозомадани Ӯ *аз они Масеҳ* ҳастанд.

Ба қатори онҳо душманони Масеҳ дохил намешаванд, чунки онҳо зери пойҳои Ӯ сарнагун хоҳанд шуд (о. 25), ва ин, чунон ки касе гуфтааст, барои биҳишт тасвири ҳайратовар мебуд.

**15,23** Сипас дар хусуси гурӯҳҳо, ё синфҳое гуфта мешавад, ки дар растохези якум

иштирок мекунанд. Растохези якум – растохези *Масеҳ* аст. Ӯ ин ҷо *навбар* номида шудааст. Як каф гандуми расидаро, ки аз киштзор то сар шудани ҷамъоварии ҳосил чида мешуд, навбар меномиданд. Ин гарав, кафолат, пешакӣ чашидани оянда буд. Он чунин маъное надорад, ки Масеҳ аввалин зиндашуда буд. Дар Аҳди Қадим мисолҳои зиндашавӣ ҳастанд, дар Аҳди Нав бошад Элъозор, писари бевазан ва духтари Ёир зинда шудаанд. Аммо растохези Масеҳ аз растохези онҳо фарқ дошт, зеро онҳо зинда шуданд, то боз як бор бимиранд, аммо Масеҳ зинда шуд, то ки дигар намирад. Ӯ зинда шуд, то бо қудрати ҳаёти абадӣ зиндагӣ кунад. Ӯ дар бадани ҷалолёфта зинда шуд.

Гурӯҳи дуюми иштирокчиёни растохези якум чун *аз они Масеҳ дар вақти омадани Ӯ* тасвир карда мешаванд. Он касонеро дар бар мегирад, ки ҳангоми ба осмон гирифта шудан зинда мешаванд, ва низ онҳоеро, ки ҳангоми Мусибати Бузург мемиранд ва дар охири ин замони нохушӣ зинда карда мешаванд, ҳангоме ки Масеҳ бармегардад, то дар замин подшоҳӣ кунад. Чунон ки бозомадани Масеҳ марҳалаҳои худро дорад, дар растохези муқаддасони Ӯ низ марҳалаҳо хоҳанд буд. Дар растохези якум на ҳамаи мурдагон иштирок мекунанд, балки фақат онҳое ки дар имон ба Масеҳ мурдаанд.

Баъзеҳо таълим медиҳанд, ки фақат масеҳиёне ки ба Масеҳ содиқ буданд ё ғолиб буданд, ин дафъа зинда мешаванд, аммо Навишта инро хеле возеҳ рад мекунад. Ҳамаи *онҳое ки аз они Масеҳанд,* ҳангоми омадани Ӯ зинда мешаванд.

**15,24** *Суханони «Баъд охират»*, ба фикри мо, ба охири растохез дахл дорад. Баъди Подшоҳии Ҳазорсола, ҳангоме ки Ӯ ҳамаи душманонашро сарнагун мекунад, гуноҳкорони мурда зинда мешаванд. Ин растохези охирин аст. Ҳамаи онҳое ки дар беимонӣ мурдаанд, ба доварӣ дар назди Тахти Бузурги Сафед ҳозир мешаванд, то ҳукмномаи худро шунаванд.

Баъди Подшоҳии Ҳазорсола ва нест кардани шайтон (Ваҳй 20,7-10) Худованд Исо Подшоҳиро *ба Худо ва Падар* месупорад. То ин дам Ӯ *ҳар гуна сарварӣ ва ҳар гуна қудрат ва қувватро барҳам медиҳад*. То ин дам Худованд Исои Масеҳ чун Писари Одам ҳукм ронда, байни Худо ва одамон чун Миёнарав хизмат мекард. Дар охири ҳукмронии ҳазорсола мақсадҳои Худо дар замин пурра иҷро мешаванд. Ҳама чизи муқобилаткунанда сарнагун хоҳад шуд ва ҳамаи душманон нобуд карда хоҳанд шуд. Подшоҳии Масеҳ чун Писари Одам ба сӯи Подшоҳии абадӣ дар осмон роҳ мекушояд. Подшоҳии Ӯ чун Писари Худо абадан давом хоҳад кард.

**15,25** Ояти 25 чизи аллакай гуфташударо таъкид мекунад, яъне Подшоҳии Масеҳ то даме давом мекунад, ки тамоми нишонаҳои шӯриш ва душманӣ нопадид шаванд.

**15,26** Ҳатто дар Подшоҳии Ҳазорсола одамон хоҳанд мурд, хусусан онҳое ки рӯйрост бар зидди Худо бармехезанд. Аммо дар доварӣ назди Тахти Бузурги Сафед *марг* ва дӯзах ба кӯли оташ партофта хоҳанд шуд.

**15,27** Худо амр фармудааст, ки *ҳама чиз зери пойҳои* Худованд Исо *мутеъ* шавад. Худо ҳатман Худро истисно мекунад. Ояти 27 барои фаҳмидан душвор аст, зеро аён нест, ки ҳар кадоми ҷонишинҳо ба кӣ дахл дорад. Мо оятро ба таври зайл баён карда метавонем: «Чунки Худо ҳама чизро зери пойҳои Масеҳ мутеъ кардааст. Аммо ҳангоме Худо мегӯяд, ки ҳама чиз ба Масеҳ мутеъ карда шудааст, аён аст, ки ба ин ҳама Худи Худо, ки ҳама чизро ба Масеҳ мутеъ кардааст, дохил намешавад».

**15,28** Пас аз он ки ҳама чиз ба Писар тобеъ мешавад, Ӯ Худ абадан *ба Худо* тобеъ, *мутеъ хоҳад шуд*.

*«Худо Масеҳро ҳокими иҷрокунандаи тамоми ниятҳо ва насиҳатҳои Худ кард. Тамоми қудрат ва қувват ба дасти Ӯ дода шудааст. Замоне фаро мерасад, ки Ӯ дар хусуси идоракуние ки ба вай супурда шудааст, ҳисобот хоҳад дод. Пас аз он ки Ӯ ҳама чизро ба Худ мутеъ мекунад, Ӯ Подшоҳиро ба Падар бармегардонад. Офарида ба Худо дар шакли комил баргардонда мешавад. Кори наҷот ва барқароркуниро, ки ба хотири он Ӯ Одам шуд, анҷом дода, Масеҳ ҳолати тобеиятро, ки бо таҷассумшавӣ Худро дар он гузошт, нигоҳ медорад. Агар баъди иҷро кардани ҳамаи мақсадҳо ва муқарраротӣ Худо Ӯ одам буданро бас мекард, худи ҳалқаи силсилае ки Худоро бо одам мепайвандад, гум мешуд»*.

**15,29** Ояти 29, аз афташ, дар тамоми Навиштаҳои Муқаддас яке аз оятҳои душвортарин ва нофаҳмотарин аст. Тафсирҳои зиёди маънои он вуҷуд доранд. Масалан, баъзеҳо

чунин меҳисобанд, ки масеҳиёни зинда метавонанд барои онҳое ки маросими таъмидро нагузашта мурдаанд, таъмид гиранд. Ин гуна маъно ба Навиштаҳо бегона аст. Он дар ояти ягона асос ёфтааст ва онро рад кардан мумкин аст, зеро бо оятҳои дигари Навишта тасдиқ нашудааст. Дигарон таъмид барои мурдагонро бо он маънидод мекунанд, ки мо дар таъмид мурда ҳисоб мешавем. Ин маъно имконпазир аст, аммо ҳамчунин ба матн на он қадар хуб мувофиқат мекунад.

Ба фикри мо, маънидоде ки аз ҳама хубтар ба матн мувофиқат мекунад, чунин аст: ҳангоме ки Павлус номаро менавишт, одамоне ки худро пайравони Масеҳ эълон карда буданд, дучори таъқиботи бераҳмона буданд. Таъқибот махсусан баъди таъмид гирифтан сахттар мешуданд. Аксаран чунин мешуд, ки шахсоне ки ба Масеҳ имон доштани худро дар назди ҳама бо таъмиди обӣ эътироф намуданд, ба зудӣ бо марги риёзаткашона мемурданд. Аммо оё ин дигаронро аз қабул кардани наҷот ва ба воситаи таъмид ҷои онҳоро гирифтан нигоҳ медошт? Ҳаргиз не. Аз афташ, ҳамеша одамони нав ёфт мешуданд, ки ҷои риёзаткашонро мегирифтанд. Ба обҳои таъмид даромада, онҳо ҳақиқатан *барои мурдагон,* ё ба ҷои (юн. «ҳупер») онҳо *таъмид* меёфтанд. Бинобар ин *мурдагон* ин ҷо онҳое мебошанд, ки барои шаҳодати ҷасуронаи худ дар хусуси Масеҳ мурдаанд. Ин ҷо расул исбот мекунад, ки агар растохез набошад, таъмид гирифта, ба ҷои мурдагон истодан аблаҳона мебуд. Ин монанди фиристодани аскарон барои пурра кардани лашкарест, ки муҳорибаи аллакай бохташударо мебарад. Ин баробар ба он аст, ки дар вазъияти ноумедона ҷангиданро давом диҳем. *Агар мурдагон тамоман барнахезанд, чаро барои мурдагон таъмид мегиранд?*

**15,30** *Чаро мо низ ҳар соат ба мусибатҳо дучор мешавем?* Расул Павлус доимо дар хатар буд. Нотарсона Масеҳро мавъиза намуда, вай дар ҳама ҷое ки мерафт, душманонро вомехӯрд. Ба муқобили вай суиқасдҳо тартиб медоданд, то вайро ба ҳалокат расонанд. Агар вай аз эътироф намудани Масеҳ даст мекашид, аз ҳамаи ин эмин буда метавонист. Ва ҳақиқатан, агар растохез аз мурдагон набошад, оқилона мебуд, ки вай аз уқубатҳо канораҷӯӣ кунад.

**15,31** *Ман ҳар рӯз бо марг рӯ ба рӯ мешавам ва дар Худованди мо Масеҳ Исо аз шумо фахр дорам.* Инро чунин баён кардан мумкин аст: «Чунон ки барои шумо, фарзандонам дар Исои Масеҳ, ошкоро шод мешавам, ҳамчунин он низ аён аст, ки дар ҳар рӯзи ҳаётам ба ман марг таҳдид мекунад».

**15,32** Сипас расул таъқиботи сахтро, ки бо онҳо *дар Эфесус* рӯ ба рӯ шуда буд, ба ёд меоварад. Мо чунин фикр намекунем, ки вайро ҳақиқатан ба саҳна назди ҳайвоноти дарранда партофта буданд. Аниқтараш, ин ҷо вай дар хусуси одамони бад чун дар хусуси *ҳайвоноти* дарранда сухан меронад. Дар асл Павлусро, чун шаҳрванди румиро, наметавонистанд маҷбур кунанд, ки бо ҳайвоноти дарранда қувваозмоӣ кунад. Мо намедонем, ки ин ҷо вай кадом мавридро зикр мекунад. Аммо далелҳои вай равшананд: агар вай ба растохез аз мурдагон боварӣ намедошт, дар ин қувваозмоии хатарнок иштирок кардан аблаҳона мебуд. Ҳақиқатан, чунин фалсафаро қабул кардан хеле оқилонатар мебуд: *агар мурдагон барнахезанд, биёед хӯрем ва нӯшем, зеро фардо мемурем!*

Баъзан изҳороти масеҳиёнро шунидан лозим меояд, ки агар ба ғайр аз ин ҳаёт чизи дигаре намебуд, онҳо аз ду сар масеҳӣ мебуданд. Аммо Павлус бо ин идея розӣ нест. Агар растохез намебуд, вай беҳтараш кӯшиш мекард, ки аз ҳаловатҳои ин ҳаёт истифода барад. Мо барои хӯрдан, пӯшидан ва ҳаловатҳо мезистем. Ва фақат ҳамин биҳиштро хоҳон мебудем. Аммо азбаски растохез ҳаст, мо ҷуръат намекунем ҳаёти худро барои чизи бебақо сарф кунем. Мо бояд на барои «ҳозир», балки барои «баъд» зиндагӣ кунем.

**15,33** Қуринтиён дар ин хусус бояд *фирефта нашаванд. Ёрони бад ахлоқи некро фосид мекунанд.* Павлус муаллимони дурӯғинро дар назар дорад, ки ба ҷамоати Қуринтус бо инкори растохез омада буданд. Масеҳиён бояд дарк кунанд, ки бо одамони бад ва таълимоти вайрон муошират намуда, аз онҳо фосид нашудан ғайриимкон аст. Таълимоти бад ногузир ба ҳаёт таъсир мекунанд. Таълимоти бардурӯғ ба покӣ намебаранд.

**15,34** Қуринтиёнро лозим аст, ки *ҳушёр шаванд ва гуноҳ накунанд.* Онҳо набояд ба муаллимони дурӯғин роҳ диҳанд, ки онҳоро гумроҳ кунанд. *Барои хиҷил шуданатон*

*мегӯям, ки баъзеҳо Худоро намешиносанд*. Бисёр вақт ин оятро чунин маънидод мекунанд: Азбаски ҳанӯз ҳам одамоне ҳастанд, ки Хушхабарро нашунидаанд, масеҳиён бояд шарм доранд, ки тамоми ҷаҳонро бо эълони Хушхабар фаро гирифта натавонистаанд. Аммо, агарчи, шояд, ин дуруст аст, мо чунин меҳисобем, ки маънои асосии ин ҷой чунин аст: дар ҷамоати Қуринтус одамоне буданд, ки Худоро намедонистанд. Онҳо масеҳиёни ҳақиқӣ набуданд. Онҳо гургон дар либоси гӯсфандон, муаллимони дурӯғин буданд, ки ба назди онҳо пинҳонӣ даромадаанд. Қуринтиён *бояд хиҷил мешуданд,* зеро ба ин одамон иҷозат медоданд, ки дар байни масеҳиён бошанд ва таълимоти бардурӯғи худро паҳн кунанд. Натиҷаи бепарвоие ки ба одамони бехудо имкони ба ҷамоат даромаданро дод, он буд, ки дараҷаи умумии ахлоқии ҷамоат паст шуд, ва ин дар навбати худ барои пайдо шудани ҳар гуна иштибоҳот замина тайёр кард.

## Б. Раддия ба далелҳои зидди растохез (15,35-57)

**15,35** Дар оятҳои 35-49 расул дар асл чӣ гуна ба амал омадани растохезро муфассалтар аз назар мегузаронад. Вай ду саволро интизор аст, ки ногузир дар майнаҳои онҳое пайдо мешавад, ки ба факти растохези ҷисмонӣ шубҳа доранд. Саволи аввал: *«Мурдагон чӣ гуна бармехезанд?»* Дуюмаш бошад: *«Ва дар чӣ гуна ҷисм меоянд?»*

**15,36** Ҷавоб ба саволи якум дар ояти 36 дода шудааст. Барои нишон додани имконияти растохез мисоли ба ҳама маълум аз табиат оварда мешавад. Тухм бояд ба замин афтад ва бимирад, пеш аз он ки растанӣ пайдо шавад. Ва дар ҳақиқат, чӣ ҳайратовар аст муаммои ҳаёт, ки дар ҳар як тухми хурдакак ниҳон аст. Мо метавонем тухмро бурида, тахти микроскоп муоина кунем, аммо сирри принсипи ҳаёт даркнашаванда мемонад. Ҳамаи он чи мо медонем, он аст, ки тухм ба замин меафтад, ва аз он чи мемирад, ба таври аз ақл берун ҳаёт тавлид меёбад.

**15,37** Сипас саволи дуюм аз назар гузаронда мешавад. Павлус мефаҳмонад, ки *ҳангоме ки мекорӣ,* на растаниеро ки бо мурури замон аз он месабзад, балки *донаи лучи гандум ё ягон гиёҳи дигарро мекорӣ.* Аз ин чӣ хулоса бармеояд? Бо тухм як будани растанӣ? Не, ин худи ҳамон чиз нест; аммо дар байни онҳо робитаи ҳаётан муҳим ҳаст. Бе тухм растанӣ намебуд. Ба ғайр аз ин, ҳамаи сифатҳои растанӣ дар тухм мавҷуданд. Дар растохез низ ҳамин тавр аст.

*«Ҷисми зиндашуда бо ҷисми кошташуда табиатан як ва зич алоқаманд аст, аммо он аз фаношавӣ, бешарафӣ ва сустӣ пок карда шудааст ва бефано, пурҷалол, қавӣ ва рӯҳонӣ карда шудааст. Ин худи ҳамон ҷисм аст, аммо он дар як шакл кошта шуда, дар шакли дигар рӯёнда шудааст».*

**15,38** *Худо* ҷисмро мувофиқи ҳамон тухме ки кошта шуда буд, аз нав пайдо мекунад, ва дар натиҷа *ба ҳар як тухм* намуди растании худи он дода мешавад. Ҳамаи омилҳое ки андоза, ранг, шакли барг ё гули растаниро муайян мекунанд, ба кадом як тариқе дар тухми кошташуда мавҷуданд.

**15,39** Барои тасвири он факт, ки ҷисми ҷалолёфтаи зиндашуда аз ҷалоли ҷисмҳои ҳозираи мо фарқ мекунад, расул ишора мекунад, ки *ҳамаи ҷисмҳо як нестанд.* Масалан *ҷисми* одам, *ҷисми чорпоён, моҳиён, парандагон* ҳаст. Онҳо аз ҳамдигар баръало фарқ мекунанд, аммо ба ҳар ҳол ҳамаи онҳо ҷисм мебошанд. Ин ҷо мо монандиро бе такроршавӣ мебинем.

**15,40** Ва ҳамон тавре ки *ҷисмҳои* осмонӣ (мас. ситораҳо) ва ҷисмҳои дар замин буда аз ҷиҳати бузургӣ фарқ доранд, байни бадани ҳозираи масеҳӣ ва он бадане ки вай баъди марг мегирад, фарқ ҳаст.

**15,41** Ҳатто худи ҷисмҳои осмонӣ аз ҷиҳати *ҷалол* фарқ мекунанд. Масалан, *офтоб* аз *моҳ* дурахшонтар аст, ва *ситора аз ситора* аз ҷиҳати дурахшонӣ фарқ мекунад.

Бисёрии тафсиркунандагон бо он розиянд, ки ҷалоли ҷисми зиндашуда аз ҷалоли ҷисми ҳозираи заминии мо фарқ мекунад. Онҳо чунин намеҳисобанд, ки ояти 41 ба фарқи ҷалоли масеҳиён дар осмон ишора мекунад. Аммо ба мо нуқтаи назари Ҳолстен наздиктар аст, ки чунин садо медиҳад: «Фарқи ҷисмҳои осмонӣ, ки Павлус таъкид мекунад, мавҷудияти ҳамин гуна фарқҳоро дар ҷалол байни зиндашудагон дар назар дорад». Аз ҷойҳои дигари Навиштаҳо возеҳан бармеояд, ки мо дар осмонҳо якхела нахоҳем буд. Агарчи ҳамаи мо ахлоқан ба Худованд Исо монанд, яъне аз

гуноҳ озод хоҳем буд, ин маънои онро надорад, ки ҳамаи мо ҷисман ба Худованд Исо монанд мешавем. Дар абадият Ӯро ба осонӣ шинохтан мумкин хоҳад буд. Ҳамчунин ҳар як масеҳӣ, ба фикри мо, шахсияти алоҳидае хоҳад буд, ки ба осонӣ шинохтан мумкин аст. Аммо мукофотҳое ки дар пеши Курсии Доварии Масеҳ дода мешаванд, вобаста ба садоқат дар хизмат аз ҳам фарқ хоҳанд кард. Агарчи дар осмонҳо ҳама комилан хушбахт хоҳанд буд, баъзеҳо қобилияти аз осмонҳо бештар ҳаловат бурданро хоҳанд гирифт. Айнан ҳамон тавре ки азобҳо дар дӯзах вобаста ба гуноҳҳои содиркардаи одам фарқ мекунанд, ҳаловат дар осмонҳо низ вобаста ба он чи мо чун масеҳиён кардаем, фарқ мекунад.

**15,42** Оятҳои 42-49 тазоди байни ҳолати ҳозираи ҷисми масеҳӣ ва дар абадият чӣ гуна будани онро нишон медиҳанд. Ҷисм *дар вайроншавандагӣ кошта мешавад, дар вайроннашавандагӣ бармехезад*. Ҳозир ҷисмҳо ба бемориҳо ва марг дучор мешаванд. Ҳангоме ки онҳоро ба қабр мегузоранд, онҳо фано мешаванд ва ба хок мубаддал мегарданд. Аммо бо ҷисми зиндашуда чунин нест. Он ба бемориҳо ва *вайроншавӣ* гирифтор намешавад.

**15,43** Ҷисми ҳозира *дар хорӣ кошта мешавад*. Дар ҷисми мурда ҳеҷ чизи боазамат ва пурҷалол нест. Бо вуҷуди ин худи ҳамин ҷисм *дар ҷалол бармехезад*. Он аз ожангҳо, пайҳо, вазни зиёдатӣ, нишонаҳои солхӯрдагӣ ва натиҷаҳои гуноҳ озод мешавад.

*Дар нотавонӣ кошта мешавад, дар қувват бармехезад*. Бо наздик омадани пирӣ *нотавонӣ* меафзояд, то даме ки марг аз одам ҳама гуна қувватро мерабояд. Дар абадият бадан ба ин маҳдудиятҳои ғамангез гирифтор нахоҳад буд, баръакс, дорои қобилиятҳое хоҳад буд, ки ҳозир надорад. Масалан, Худованд Исо, зинда шуда, ба хонаи маҳкам даромада тавонист.

**15,44** *Ҷисми нафсонӣ кошта мешавад, ҷисми рӯҳонӣ бармехезад*. Ин ҷо хеле бодиққат буда, таъкид кардан лозим аст, ки рӯҳонӣ маънои ғайримоддиро надорад. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки мо баъди зинда шудан рӯҳҳои беҷисм хоҳем буд. Чунин фаҳмиш нодуруст аст, ва маънои оят низ чунин нест. Мо медонем, ки ҷисми Худованд Исои зиндашуда аз гӯшт ва устухон иборат буд, чунки Ӯ гуфтааст: «... рӯҳ гӯшт ва устухон надорад, чунон ки дар Ман мебинед» (Луқ. 24,39). Фарқ байни *ҷисми нафсонӣ* ва *ҷисми рӯҳонӣ* дар он аст, ки аввалӣ барои зиндагӣ дар замин мувофиқ карда шудааст, дар ҳоле ки дуввумӣ – барои зиндагӣ дар осмон. Аввалӣ ба воситаи ҷон, дигарӣ ба воситаи рӯҳ роҳбарӣ карда мешавад. *Ҷисми рӯҳонӣ ҳам*онест, ки хизматгори ҳақиқии рӯҳ хоҳад буд.

Худо рӯҳ, ҷон ва ҷисми одамро офарид. Ӯ ҳамеша рӯҳро дар ҷои аввал мегузорад, чунки мехост ба рӯҳ мавқеи имтиёзнок ё бартаринокро диҳад. Бо пайдо шудани гуноҳ як чизи ҳайратоваре ба амал омад. Тартиби муқарраркардаи Худо вайрон карда шуд, ва дар натиҷа одам ҳамеша чунин мегуфтагӣ шуд: «ҷисм, ҷон ва рӯҳ». Вай ба ҷисм ҷоеро дод, ки бояд ба рӯҳ тааллуқ дошта бошад. Баъди растохез ин тартиб дигаргун мешавад; рӯҳ он мавқеи ҳукмфарморо, ки Худо барояш муқаррар кардааст, ишғол мекунад.

**15,45** *Чунин навишта шудааст: «Одами аввалин, яъне Одам, ҷони зинда гашт». Одами охирин рӯҳи ҳаётбахш аст.* Боз ҳам ин ҷо *одами аввалин Одам* бо Худованд Исои Масеҳ муқобил гузошта мешавад. Худо ба бинии Одам рӯҳи ҳаёт дамид, ва ӯ *ҷони зинда* шуд (Ҳас. 2,7). Ҳамаи онҳое ки аз вай ба вуҷуд омадаанд, сифатҳои вайро ба мерос гирифтаанд. *Одами охирин,* Наҷотдиҳанда, *рӯҳи ҳаётбахш* шуд (Юҳ. 5,21.26). Фарқ дар он аст, ки дар ҳолати якум ба Одам ҳаёти ҷисмонӣ дода шуда буд, дар ҳолати дуюм бошад Масеҳ ҳаёти ҷовидониро ба дигарон медиҳад.

Эрдман мефаҳмонад:

*Чун авлодони Одам, мо ба вай монандем: ҷонҳои зиндае ки дар ҷисмҳои фонӣ зиндагӣ мекунанд ва ба волидони заминӣ монананд. Аммо чун пайравони Масеҳ, мо ҷисмҳои бефанорo дар бар карда, ба монандии Худованди осмониямон дигаргун хоҳем шуд.*[53]

**15,46** Ҳозир расул қонуни асосии олами Худоро баён мекунад: *лекин рӯҳонӣ пештар нест, балки нафсонӣ ва баъд рӯҳонӣ*. Инро ҳар хел фаҳмидан мумкин аст. Одам, одами *нафсонӣ,* дар арсаи таърихи инсоният аввалин шуда пайдо гардид; сипас Исо, Одами *рӯҳонӣ*. Ё ин ки: мо ба ҷаҳон чун мавҷудоти нафсонӣ меоем; сипас, аз олами боло зода шуда, мо рӯҳонӣ мешавем. Ниҳоят, аввал мо ҷисмҳои *нафсониро* мегирем, сипас, ҳангоми растохез, ҷисмҳои *рӯҳониро* мегирем.

**15,47** *Одами аввалин аз замин аст, яъне хокист.* Ин маънои онро дорад, ки вай аз замин пайдо шудааст ва сифатҳояш заминиянд. Аввалан, вай аз *хоки* замин сохташуда буд, сониян, дар зиндагии худ ҳақиқатан ба замин вобаста буд. *Одами дуюм, Худованд*[54] *аст аз осмон.*

**15,48** Аз ду одаме ки дар ояти 45 зикр шудаанд, Исо дуюм аст. Вай абадан вуҷуд дорад, аммо дар симои одам баъди Одам омад. Ӯ аз осмон омад, ва ҳамаи он чи Ӯ мекард ва мегуфт, на заминӣ ва нафсонӣ, балки *осмонӣ* ва рӯҳонӣ буд.

Чунон ки бо ин ду сарварони давлатҳост, корҳои пайравони онҳо ҳамон гуна мебошанд. Онҳое ки аз Одам зода шудаанд, сифатҳои вайро ба мерос мегиранд. Аммо онҳое ки аз Масеҳ зода шудаанд, халқи *осмонӣ* мебошанд.

**15,49** *Ва чӣ гунае ки* аз лаҳзаи зода шудани табииямон мо сифатҳои Одамро *ба худ гирифтаем,* ҳамин тавр *сурати* Масеҳро дар ҷисмҳои зиндашудаамон *бояд гирем.*[55]

**15,50** Ин ҷо расул дар хусуси дигаргуншавие мегӯяд, ки бо ҷисмҳои масеҳиён – ҳам зиндагон ва ҳам мурдагон – ҳангоми бозгашти Худованд ба амал меояд. Вай мулоҳизаҳои худро бо изҳороте сар мекунад, ки *«ҷисму хун наметавонанд ворисн Подшоҳии Худо шаванд».* Вай онро дар назар дорад, ки ҷисме ки мо дорем, ба *Подшоҳии Худо* дар абадият, яъне ба хонаи осмонии мо, мувофиқат намекунад. Он низ дуруст аст, ки *вайроншаванда ворисн вайроннашаванда намешавад.* Дигар хел карда гӯем, ҷисмҳои ҳозираи мо, ки мубталои беморихо, марг ва фано мебошанд, барои зиндагие ки фано дар он нест, мувофиқ намеоянд. Бинобар ин саволе ба миён меояд: чӣ гуна ҷисмҳои масеҳиёни зинда ба ҳаёт дар осмон мувофиқ хоҳанд шуд?

**15,51** Ҷавоб муамморо, *сирро* мекушояд. Чунон ки пештар гуфта шуда буд, *сирр* ҳақиқатест, ки то ҳол маълум набуд, аммо акнун аз ҷониби Худо ба расулон ва ба воситаи онҳо ба мо ошкор карда шудааст.

*Ҳамаи мо ба хоби марг намеравем,* яъне на ҳамаи масеҳиён хоҳанд мурд. Баъзеҳо ҳангоми бозгашти Худованд зинда хоҳанд буд. Аммо хоҳ бимирем ва хоҳ ҳанӯз зинда бимонем, *ҳама дигаргун мешавем.* Ҳақиқати растохез худ аз худ сирр нест, зеро он дар Аҳди Нав ошкор карда шудааст, аммо он факт, ки на ҳама мемиранд, ва муқаддасони зинда ҳангоми бозгашти Худованд тағйир меёбанд, ба ҳама маълум набуд.

**15,52** Тағйирот дар як лаҳза, *дар як мижа задан, баробари садои карнайи охирин* ба амал меояд. *Карнайи охирин* ин ҷо охири дунёро ифода намекунад, ин ҳатто он карнае нест, ки дар Ваҳй дар хусуси он сухан меравад. Аниқтараш, ин *карнайи* Худост, ки ҳангоми барои муқаддасони Худ ба ҳаво омадани Масеҳ садо хоҳад дод (1Тас. 4,16). Ҳангоме ки *карнай садо медиҳад, мурдагон дар вайроннашавандагӣ бармехезанд, ва мо дигаргун мешавем.* Ин чи лаҳзаи бузурге хоҳад буд, ҳангоме ки замин ва баҳр хоки онҳоеро, ки дар давоми садсолаҳои зиёд дар имонӣ ба Масеҳ мурдаанд, хоҳанд дод! Ақли одамӣ қариб наметавонад азамати ин ҳодисаро тасаввур кунад; аммо ба ҳар ҳол масеҳии фурӯтан инро бо имон қабул карда метавонад.

**15,53** Мо гумон мекунем, ки ояти 53 ба ду гурӯҳи масеҳиён ҳангоми бозгашти Масеҳ дахл дорад. *«Он чи вайроншаванда аст»* ба онҳое дахл дорад, ки ҷисмҳояшон ба хок бозгаштаанд. Онҳо *либоси вайроннашавандагӣ мепӯшанд. «Он чи миранда аст»,* дар навбати худ, ба онҳое дахл дорад, ки ҷисман ҳанӯз зиндаанд, аммо мубталои марг мебошанд. Ин гуна ҷисмҳо *либоси намирандагӣ мепӯшанд.*

**15,54** *Ва ҳар гоҳ* дар Масеҳ мурдагон зинда шаванд, ва зиндаҳо дигаргун шаванд, *он гоҳ ин каломе ки навишта шудааст, ба амал меояд: «Ғалаба маргро фурӯ бурд»* (Иш. 25,8). Ин то чӣ андоза боазамат аст!

Ч. Ҳ. Макинтош нидо мекунад:

*Дар ҳузури чунин қувва марг, қабр ва фано чи маъно доранд? Мегӯянд, ки он қудрат надорад шахсеро, ки чор рӯз боз мурда аст, зинда кунад?! Миллионҳо касоне ки ҳазорҳо сол боз дар хок мағор бастаанд, бо даъвати Пурбаракат дар як лаҳза ба ҳаёт, бефаноӣ ва ҷалоли ҷовидонӣ зинда мешаванд.*[56]

**15,55** Ин оят метавонад суруди масеҳиён бошад, ки онҳо онро ба истиқболи Худованд бархоста, месароянд. Онҳо гӯё бар *марг* тамасхур мекунанд, зеро ки онҳо аллакай аз *неши* он наметарсанд. Онҳо бар *дӯзах* низ механданд, зеро ки он муҳорибаро бохт ва онҳоро нигоҳ дошта натавонист. *Марг* дигар

онҳоро ба даҳшат намеоварад: Онҳо медонанд, ки гуноҳҳояшон бахшида шудаанд ва онҳо дар Писари маҳбуби Ӯ бегуфтугӯ қабул шуда, ба ҳузури Худо хоҳанд истод.

**15,56** Агар *гуноҳ* намебуд, *марг неш* намедошт. Охир маҳз дарки гуноҳҳои эътирофнакарда ва наомурзида одамро маҷбур мекунад аз марг тарсад. Агар мо донем, ки гуноҳҳои мо бахшида шудаанд, метавонем дилпурона ба марг рӯ ба рӯ шавем. Аммо агар, баръакс, дар виҷдони мо гуноҳе ниҳон бошад, марг даҳшатовар аст, он ибтидои ҷазои абадист.

Қуввати гуноҳ шариат аст, яъне гуноҳкорро шариат маҳкум мекунад. Он ба ҳамаи онҳое ки ба дастурҳои муқаддаси Худо итоат накардаанд, маҳкумиятро баён мекунад. Дуруст гуфта шудааст, ки агар гуноҳ намебуд, марг низ намебуд. Агар шариат намебуд, маҳкумият низ намебуд.

*Тахти марг бар ду поя устувор аст: гуноҳ, ки маҳкум карданро металабад, ва шариат, ки онро баён мекунад. Пас, кори Наҷотдиҳанда бар зидди ин ду қувва равона гардида буд.*[57]

**15,57** Мувофиқи имон ба Ӯ бароямон *ғалаба* бар марг ва қабр ато карда мешавад. Марг аз неш маҳрум карда шудааст. Маълум аст, ки баъзе ҳашарот одамро газида, неши худро дар ҷисми вай мемонанд ва ҳамин тариқ аз неш маҳрум шуда, мемиранд. Ва ҳақиқатан, марг дар салиб *Худованди мо Исои Масеҳро* газид ва худро ба марг рӯ ба рӯ кард; акнун мири даҳшат аз даҳшати худ маҳрум гардид – масеҳиён дигар аз вай наметарсанд.

### B. Даъвати хотимавӣ дар партави растохез (15,58)

**15,58** Бо боварии устувор ба растохез ва ба он ки имон ба Масеҳ беҳуда нест, расул Павлус *бародарони азизи* худро даъват мекунад: *Пойдору устувор бошед, ҳамеша дар кори Худованд машғул бошед, ва донед, ки меҳнати шумо дар Худованд беҳуда нест.* Ҳақиқати растохез ҳама чизро дигаргун мекунад. Он умед ва мардонагӣ медиҳад, он барои истодагарӣ дар муқобили вазъиятҳои рафънопазир ва вазнин ёрӣ медиҳад.

## V. НАСИҲАТИ ХОТИМАВӢ (Б. 16)

### A. Дар хусуси ҷамъ кардани пул (16,1-4)

**16,1** Дар ояти якуми боби 16 сухан дар хусуси *пул* меравад, ки ҷамоати Қуринтус мебоист ба муқаддасони муҳтоҷ ба Уршалим мефиристод. Сабаби аниқи камбағалии онҳо маълум нест. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки он аз боиси гуруснагӣ буд (Аъм. 11,28-30). Боз як сабаби дигар, эҳтимол, он буд, ки яҳудиёни пайрави имони Масеҳро хешовандон, дӯстон ва ҳамватанонашон бойкот мекарданд ва аз ҷамъият меронданд. Онҳо, аз афташ, аз кор маҳрум мешуданд ва дучори фишорҳои бешумори иқтисодӣ мегардиданд. Мақсад аз фишорҳо ин буд, ки онҳо маҷбур шаванд аз имон ба Масеҳ даст кашанд. Павлус аллакай *ба ҷамоатҳои Ғалотия* дар хусуси ин масъала *дастур дода* буд, ва акнун қуринтиёнро даъват мекунад, то ҳамон чиро, ки аз муқаддасони Ғалотия хоста буд, ба ҷо оваранд.

**16,2** Агарчи насиҳатҳое ки дар ояти 2 дода шудаанд, мушаххасан ба пул дахл доранд, ба ҳар ҳол аҳамияти ин принсипҳо нагузаранда аст. Пеш аз ҳама, *дар рӯзи якуми ҳафта* пул ҷудо кардан лозим аст. Ин ҷо возеҳан нишон дода мешавад, ки масеҳиёни аввалин аллакай риояи шанбе, яъне рӯзи ҳафтумро ҳатмӣ намешумориданд. Худованд дар рӯзи якум зинда шуд, Рӯзи Пантикост низ рӯзи якуми ҳафта буд, шогирдон барои шикастани нон дар рӯзи якуми ҳафта ҷамъ мешуданд (Аъм. 20,7). Акнун онҳо бояд *дар рӯзи якуми ҳафта* чизе барои муқаддасон *пасандоз* кунанд.

Принсипи дуюми муҳим дар он аст, ки насиҳатҳо дар хусуси хайрот ба *ҳар яке* дахл доранд. Сарватмандон ва камбағалон, ғуломон ва озодҳо – ҳама мебоист дар хайрот иштирок карда, қисми дороии худро медоданд.

Сипас, инро ҳамеша (бонизом) кардан лозим буд. *Дар рӯзи якуми ҳафта* онҳо мебоист як миқдор пулро *пасандоз карда нигоҳ* медоштанд. Онҳо ин пулро ба таври тасодуфӣ ё барои ягон мавриди муайян пасандоз намекарданд. Ин ҳадияро аз пулҳои дигар ҷудо кардан лозим буд; он барои истифодаи махсус муқаррар шуда буд, ва онро ҳангоми талаб кардан додан лозим буд. Ато мебоист мутаносиб мебуд. Ибораи «*мувофиқи даромадаш*» ба ин ишора мекунад.

*То ки дар вақти омаданам эҳтиёҷе ба ҷамъ кардан набошад.* Расул Павлус намехоҳад, ки онҳо дар дақиқаи охирин бо ҷамъ кардани пул машғул шаванд. Вай имконияти ҷиддии хайротро бе тайёрии даркории дил ва ҳамён дарк мекард.

**16,3** Оятҳои 3 ва 4 дар хусуси чӣ гуна диққат додан ба ҷамъ кардани пул дар ҷамоати масеҳӣ маслиҳати пурқимате медиҳанд. Аввалан, бояд зикр кард, ки пулро ба як кас боварӣ карда супоридан лозим нест. Ҳатто Павлус онро танҳо қабул карда наметавонист. Сониян, аҳамият диҳед, ки расул онҳоеро, ки бояд пулро баранд, ба таври дилхоҳи худ муқаррар намекард. Павлус ҳалли ин масъаларо ба ихтиёри ҷамоати маҳаллӣ вомегузорад. Ҳангоме ки онҳо фиристодагонро таъйин мекунанд, Павлус онҳоро *ба Уршалим мефиристад.*

**16,4** Агар қарор диҳанд, ки *рафтани расул* ҳам салоҳ аст, бародарони маҳаллӣ то он ҷо ба вай ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Аҳамият диҳед, ки вай мегӯяд: «*... онҳо ҳамроҳи ман мераванд»,* на ин ки «... ман ҳамроҳи онҳо меравам». Шояд ин ишоратест ба эътибори Павлус чун расул. Баъзе тафсиркунандагон тахмин мекунанд, ки рафтан ё нарафтани Павлус ба миқдори ҳадия вобаста буд, аммо бовар кардан душвор аст, ки расули бузург ин гуна принсипро ба асос гирифта амал мекарда бошад.

### Б. Дар хусуси нақшаҳои шахсии худ (16,5-9)

**16,5** Павлус нақшаҳои шахсии худро дар оятҳои 5-9 баён мекунад. Вай аз Эфесус, ки аз он ҷо мактубро менавишт, ба воситаи *Мақдуния гузаштанӣ* буд. Сипас вай умед дошт ба ҷануб, ба Қуринтус равад.

**16,6-8** Расул *зимистонро* ҳамроҳи муқаддасон дар Қуринтус *гузаронданӣ* буд, ва баъд онҳо вайро *ба ҳар ҷое* ки равад, *гусел менамуданд.* Ҳозир дар роҳ ба сӯи Мақдуния, вай онҳоро намебинад, аммо дертар вай мехоҳад муддате ҳамроҳи онҳо бошад, агар Худованд иҷозат диҳад. Пеш аз он ки ба Мақдуния равона шавад, Павлус то *иди Пантикост дар Эфесус* монданӣ буд. Маҳз аз ояти 8 мо мефаҳмем, ки Нома дар Эфесус навишта шудааст.

**16,9** Павлус мефаҳмид, ки он вақт дар Эфесус барои хизмат ба Масеҳ ҳамаи имкониятҳо буданд. Дар айни замон вай дарк мекард, ки *мухолифон бисёранд.* Чӣ гуна тасвири хизмати масеҳиёнаро ин оят дар назди мо мекашад: аз як тараф, киштзорҳо сафед гашта, барои дарав тайёр шудаанд; аз тарафи дигар – душмани ҳушёр кӯшиш мекунад, ки бо ҳама воситаҳои имконпазир халал расонад, ҷудо кунад, зиддият кунад!

### В. Насиҳатҳо ва дурудҳои хотимавӣ (16,10-24)

**16,10** Расул дар хусуси *Тимотиюс* якчанд сухан илова мекунад. Агар ин хизматгори вафодори Худованд ба Қуринтус ояд, онҳо бояд ӯро чунон қабул кунанд, ки *ӯ назди* онҳо *аз чизе тарс надошта бошад,* ё *«аз хатар эмин бошад»,* чунон ки дар баъзе дастнависҳо ҳаст. Эҳтимол, Тимотиюс одами шармгин буд, ва қуринтиён бояд ҳеҷ коре накунанд, ки ба он хислат мусоидат кунад. Шояд Павлус даъват мекунад, ки ба Тимотиюс имкон диҳанд, то бе хавфи он ки вайро чун хизматгори Худованд қабул намекунанд, ба назди онҳо ояд. Шояд, маънои оят маҳз ҳамин аст, ва ин бо суханони Павлус тасдиқ карда мешавад: *«Зеро ки ӯ кори Худовандро ба ҷо меоварад, чунон ки ман низ».*

**16,11** Азбаски Тимотиюс ба Масеҳ содиқона хизмат мекард, мебоист ҳеҷ кас ӯро *хор нашуморад.* Баръакс, *ӯро ба осоиш гусел* кардан лозим аст, *то* дар вақти даркорӣ *назди* Павлус омада тавонад. Расул интизори ҳамроҳшавӣ бо Тимотиюс ва *бародарон* буд.

**16,12** *Дар хусуси бародар Апуллус бошад,* Павлус *аз ӯ бисёр хоҳиш кард, ки бо бародарон* ба Қуринтус биёяд. Апуллус чунин намеҳисобид, ки *акнун* барои ин ба вай хости Худо буд, аммо розӣ буд, ки ҳар гоҳ *фурсат* ёбад, ба Қуринтус биёяд. Ояти 12 ба мо бо он арзишнок аст, ки рӯҳи муҳаббатро, ки дар байни ходимони Худо афзалият дошт, нишон медиҳад. Касе инро тасвири олидараҷаи «муҳаббат ва эҳтироми берашк» номидааст. Ва боз дар ин оят озодие инъикос ёфтааст, ки бо он ҳар як хизматгори Худованд метавонист бе ҳеҷ гуна нишондодҳо аз сарчашмаи дигар ба роҳнамоии Худо такя кунад. Ҳатто худи расул Павлус наметавонист ба Апуллус амр диҳад, ки чӣ кор кунад. Дар ин робита Айэнсайд изҳор менамуд: *«Ман намехоҳам ин бобро аз Навиштаҳои*

*Муқаддаси худ канда партоям. Он ба ман ёрӣ медиҳад, то бифаҳмам, ки Худо бандагони Худро дар хизматашон ба Ӯ раҳнамоӣ мекунад».*[58]

**16,13-14** Ин ҷо Павлус ба муқаддасон насиҳатҳои пурмазмун медиҳад. Онҳо бояд ҳамеша *ҳушёр бошанд, дар имон устувор бошанд, мард ва устувор* бошанд. Эҳтимол, Павлус боз дар хусуси имкони пайдо шудани таълимоти бардурӯғ фикр мекунад. Масеҳиён бояд ҳамеша ҳушёр бошанд. Онҳо бояд ягон ваҷаб ҳудуди ҳаётан муҳимро аз даст надиҳанд. Онҳо бояд бо мардонагии ҳақиқӣ амал кунанд. Ва ниҳоят, онҳо бояд дар Худованд *устувор* бошанд. Онҳо бояд дар *ҳамаи корҳои* мекардаашон *муҳаббат* зоҳир намоянд. Ин маънои ба Худо ва дигарон бахшидани ҳаётро дорад. Ин маънои ба онҳо додани худро дорад.

**16,15** Сипас насиҳатҳое меоянд, ки ба *хонаводаи Истефанус* дахл доранд. Ин масеҳиёни пуршараф *навбари Охоия,* яъне аввалин имоновардагон дар Охоия буданд. Аз афташ, баъди имон овардан онҳо *худро ба хизмати муқаддасон супурдаанд. Хонаводаи Истефанус* аллакай дар ояти 1,16 зикр шуда буд. Он ҷо Павлус ёдрас мекунад, ки ин оиларо таъмид дода буд. Бисёриҳо исрор мекунанд, ки *хонаводаи Истефанус* кӯдаконро низ дар бар мегирифт, ва ҳамин тариқ, таъмиди кӯдаконро сафед карданӣ мешаванд. Аммо аз ин оят хеле равшан аён аст, ки дар ин хонавода кӯдакон набуданд, зеро аниқ гуфта шудааст, ки аҳли хонавода *худро ба хизмати муқаддасон супурдаанд.*

**16,16** Расул масеҳиёнро насиҳат мекунад, ки ба шахсони дар кор ёрӣ мерасонида ва ба ҳар касе ки *меҳнат мекунад, фармонбардор бошанд.* Мо аз таълимоти умумии Аҳди Нав медонем, ки шахсоне ки худро ба хизмати Масеҳ месупоранд, бояд муҳаббат ва эҳтироми ҳамаи масеҳиёнро вохӯранд. Агар ба ин қоида бештар пайравӣ мекарданд, ҷудоиҳо ва ҳасад камтар мебуданд.

**16,17** *Омадани Истефанус Фортунатус ва Охойқус* ба дили Павлус хурсандӣ овард. Онҳо барои вай *ҷои холии* қуринтиёнро *пур карданд.* Ин маънои онро дошта метавонад, ки онҳо ба расул меҳрубонӣ зоҳир намуданд, ки инро қуринтиён накарда буданд. Ё, имкони бештар дорад, ки онҳо он чизеро ба ҷо оварданд, ки қуринтиён ба сабаби аз Павлус дур буданашон карда наметавонистанд.

**16,18** Онҳо ба Павлус аз Қуринтус хабарҳо оварданд, ва низ аз Павлус ба хона, ба ҷамоати худ, хабарҳоро расонданд. Ва боз Павлус онҳоро ба муҳаббат ва эҳтироми ҷамоати маҳаллӣ месупорад.

**16,19** *Ҷамоатҳои Осиё* ҷамоатҳое дар вилояти Осиё (Осиёи Хурд) мебошанд, ки маркази он Эфесус буд. *Акило ва Прискила,* аз афташ, ин вақт дар Эфесус мезистанд. Замоне онҳо дар Қуринтус мезистанд, ва бинобар ин муқаддасони Қуринтус онҳоро медонистанд. *Акило* хаймаҳо месохт ва ҳамроҳи Павлус кор карда, ба воситаи ҳамин меҳнат рӯз мегузаронд. Ибораи *«бо ҷамоате ки дар хонаи онҳост»* ба мо дар хусуси содагии ҳаёти ҷамоат дар он замон тасаввурот медиҳад. Барои парастиш, дуо ва мушоракат масеҳиён дар хонаҳои худ ҷамъ меомаданд. Сипас онҳо барои мавъиза кардани Хушхабар дар ҷои кор, бозор, зиндони маҳаллӣ – ба ҳар ҷое ки Худованд онҳоро роҳнамоӣ мекард, равона мешуданд.

**16,20** *Ҳамаи бародарони* ҷамоат ба дуруди дӯстдоронае ки ба бародарон-масеҳиёни Қуринтус фиристода мешуд, ҳамроҳ мешуданд. Расул ба хонандагони худ дастур медиҳад, ки *ба якдигар бо бӯсаи муқаддас салом расонанд.* Он вақтҳо бӯса воситаи маъмулии саломгӯӣ буд, ҳатто дар байни мардон. Бӯсаи муқаддас дурудест, ки дар он сохтакорӣ ва нопокӣ нест. Дар ҷамъияти мо, ки ба шаҳват диққат ва аҳамияти зиёд медиҳад, ва дар он фасодкориҳо бисёр вомехӯранд, чун воситаи саломгӯӣ истифода бурдани бӯса озмоиши ҷиддие шуда, боиси қусурҳои вазнини ахлоқӣ шуда метавонад. Бинобар ин дар байни масеҳиёни аксари кишварҳои Ғарб ҷои бӯсаро фишурдани даст гирифтааст. Асосан мо набояд бо баҳонаи мулоҳизаҳои маданӣ иҷро накардани дастуроти Навиштаро сафед кунем. Аммо дар ҳолате ки айнан иҷро кардан аз сабаби шароити дар ҷамоати маҳаллӣ пайдошуда боиси гуноҳ ва ҳатто нуқсон шуда метавонад, дастфишорӣ ба ҷои бӯса пурра бамаврид дониста мешавад.

**16,21** Павлус, чун қоида, мактубҳоро ба яке аз ҳамкораш дикта мекард. Аммо дар охир вай одатан қаламро ба даст гирифта, якчанд калима бо навишти худ сабт мекард, сипас

*саломи* хоси худро илова менамуд. Ин ҷо вай маҳз ҳамин тавр мекунад.

**16,22** Калимаи *лаъնатӣ* тарҷумаи калимаи юнонии «анафема» мебошад. *Ҳар кӣ Худованд Исои Масеҳро дӯст надорад*, аллакай маҳкум карда шудааст, аммо ҳукмномаи онҳо ҳангоми бозомадани Худованд Исои Масеҳ эълон карда мешавад. Масеҳӣ касест, ки Наҷотдиҳандаро бештар аз ҳар касе дар ин ҷаҳон дӯст медорад. Дӯст надоштани Писари Худо ҷиноят бар зидди Худи Худост.

Райл тафсир медиҳад:

*Павлус барои шахсе ки Масеҳро дӯст намедорад, ҳеҷ роҳи халосӣ намедиҳад. Вай ҳеҷ гуна рахнаи гурез, ҳеҷ узре намегузорад. Имкон дорад, ки одам дониши возеҳ надошта бошад, ва ӯ бо вуҷуди ин наҷот меёбад. Имкон дорад, ки вай беҷуръат бошад ва ба монанди Петрус ба тарси одамӣ дода шавад. Имкон дорад, ки ӯ монанди Довуд ба таври даҳшатовар паст афтад, аммо боз ҳам бархезад. Аммо агар шахс Масеҳро дӯст надорад, вай дар роҳи ҳаёт нест. Вай ҳанӯз ҳам таҳти лаънат аст. Вай дар ҳамон роҳи васеъ мебошад, ки ба сӯи ҳалокат мебарад.*[59]

*Мороното* сухани арамӣ аст, ки масеҳиёни аввалин онро истифода мебурданд, ва он маънои «Худованд, биё!»-ро дорад. Агар ин калимаро «морон ото» талаффуз кунем, маънои «Худованди мо омад»-ро хоҳад дошт, ва агар «мороно то» гӯем, «Худованди мо, биё!»-ро ифода мекунад.

**16,23** *Файз* мавзуи дӯстдоштаи Павлус аст. Вай бо ин оҳанги баланд сар кардан ва анҷом додани номаҳои худро дӯст медошт. Ин яке аз нишонаҳоест, ки ба ҳаққонияти муаллифии вай ишора мекунанд.

**16,24** Дар тамоми Навишта мо тапиши дили ин расули вафодори Масеҳро мешунидем. Мо онро ҳангоме мешунидем, ки вай фарзандони худро дар имон обод менамуд, тасалло медод, насиҳат мекард, огоҳӣ медод. *Муҳаббати* вай ба онҳо возеҳан маълум аст.

Ҳангоме онҳо ин суханони хотимавиро мехонданд, шояд, шарм медоштанд, ки аз муҳаббати аввалаашон ба вай рӯ гардонданд ва ба муаллимони дурӯғин имкон доданд, то расул будани Павлусро зери шубҳа гузоранд.

# Тавзеҳот

1. (1,18) Albert Barnes, *Notes on the New Testament, I Corinthians,* саҳ. 14.
2. (1,19) S. Lewis Johnson, *First Corinthians, The Wycliffe Bible Commentary,* саҳ. 1232.
3. (1,27) Erich Sauer, *The Dawn of World Redemption*, саҳ. 91.
4. (1,30) Robert Traill, *The Works of Robert Traill, ҷ. 2,* Edinburgh: Banner of Truth, чопи нави с. 1975, саҳ. 234.
5. (1,30) Arthur T. Pierson, *The Ministry of Keswick, First Series,* саҳ. 104.
6. (2,14) Vance Havner, маълумоти бештаре нест.
7. (2,15) Kenneth S. Wuest, *Wuest's Expanded Translation of the Greek New Testament, 3 ҷ.*, Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1954.
8. (3,9) Charles R. Erdman, *The First Epistle of Paul to the Corinthians,* саҳ. 40.
9. (3,15) E. W. Rogers, *Concerning the Future,* саҳ. 77.
10. (3,18) Frederic L. Godet, *Commentary on First Corinthians,* саҳ. 195.
11. (4,8) H. P. Barker, *Coming Twice,* саҳ. 80.
12. (5,2) Erdman, *First Corinthians,* саҳ. 55.
13. (6,9) Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки байни даромадан ба Подшоҳӣ ва вориси Подшоҳӣ шудан фарқ ҳаст. Ба фикри онҳо, имкон дорад, ки масеҳӣ гуноҳи асосии ҳаёти худро мағлуб накунад ва бо вуҷуди ин наҷот ёбад. Вай ба Подшоҳӣ «ворид мешавад», аммо дар он мероси (мукофоти) кам мегирад ё тамоман намегирад. Аммо дар ин порча дар хусуси онҳое сухан меравад, ки росткор нестанд, яъне аз нав зода нашудаанд.
14. (6,13) Erdman, *First Corinthians,* саҳ. 63.
15. (6,17) A. T. Pierson. *Knowing the Scriptures,* саҳ. 147.
16. (6,20) Edward Herbert Bates, *Spiritual Thoughts from the Scriptures of Truth,* саҳ. 137.
17. (6,20) Дар як қатор тарҷумаҳо «рӯҳ» ба ҷои «ҷон» зикр нашудааст.
18. (7,5) Larry Christenson, *The Christian Family,* саҳ. 24.
19. (7,14) W. E. Vine, *First Corinthians,* саҳ. 24.
20. 7,15) J. M. Davies, маълумоти бештаре нест.
21. (7,17) W. E. Vine, *The Divine Plan of Missions,* саҳ. 63.
22. (7,19) William Kelly, *Notes on the First Epistle to the Corinthians,* саҳ. 123.
23. (7,29) Harry A. Ironside, *First Epistle to the Corinthians,* саҳ. 223.
24. (7,29) Vine, *First Corinthians,* саҳ. 104.
25. (7,31) «Ин ба шумо чӣ гуна маъқул мешавад», амали 2, саҳнаи 7.
26. (7,33) Vine, *First Corinthians,* саҳ. 105.
27. (7,36) Аммо калимаи нормативии юнонӣ, ки *бакоратро* ифода мекунад, исми абстракти «партениа» аст, ва агар Павлус инро дар назар медошт, ҳайратовар аст ки чаро вай калимаи одии «бикр», «бокира»-ро истифода набурд, чунон ки дар Матто 1,23 ҳаст.
28. (8,12) Barnes, *First Corinthians,* саҳ. 147.
29. (9,17) Charles C. Ryrie, *The Ryrie Study Bible, New King James Version*, саҳ. 1771.
30. (9,20) Дар баъзе дастнависҳои юнонӣ ин ҷо тавзеҳе илова карда шудааст: «агарчи худам ба шариат итоат намекунам».
31. (9,20) William Arnot, *The Church in the House,* саҳ. 467, 468.
32. (9,21) Charles C. Ryrie, *The Grace of God,* саҳ. 83.
33. (9,22) Дар баъзе дастнависҳои юнонӣ калимаи «чун» («чун нотавон») партофта шудааст, аммо он, аз афташ, дар далелҳои Павлус нисбатан муҳим аст: вай ҳақиқатан *нотавон* нашуд.
34. (9,27) Тарҷумаи ноаниқи калимаи «адокимос» ин мушкилиҳоро ба миён овардааст. Маънои ин калима фақат «таҳсиннашуда»аст. Он чун истилоҳи варзишӣ бо калимаи ҳозиразамони «дисквалификатсияшуда» хуб тарҷума мешавад.
35. (10,5) Godet, *First Corinthians,* саҳ. 59,60.
36. (10,22) Kelly, *First Corinthians,* саҳ. 166.
37. (10,28 Дар баъзе матнҳои юнонӣ ин такрор нест.
38. (11,5) Оятҳои 4 ва 5 возеҳан нишон медиҳанд, ки ҳангоми дуо ва пайғамбарӣ сари зан бояд *пӯшида* бошад, дар ҳоле ки бояд сари мард *пӯшида* набошад. Занҳое ки кай ва дар кадом ҳолат чӣ кор карданро бо душворӣ мефаҳманд, бояд ба мардҳо нигоҳ карда, баръакси онҳо рафтор кунанд.

39. (11,7) Vine, *Expository Dictionary,* зери «*Glory*», саҳ. 154.
40. (11,18) F. B. Hole, *The Administration of the Mystery* (китобча), саҳ. 5.
41. (11,19) Ин ҷо калимаи юнонӣ «ҳаирезеис» аст, аммо аммо он ҳанӯз маънои дертар пайдошудаи «бидъат»-ро надошт. Ниг. тавзеҳот ба Титус 3,10.
42. (11,19) Барои ифодаи зарурати *ахлоқӣ* дар забони юнонӣ одатан калимаи «офелио» истифода мешавад. Ин ҷо Павлус аз калимаи «деи» истифода мекунад, ки одатан зарурати *мантиқиро* ифода мекунад.
43. (11,26) Godet, *First Corinthians,* саҳ. 163.
44. (12,9) Ҷорҷ Мюллер чун қаҳрамони имон маълум аст. Вай солҳои зиёд мудири ятимхонаҳои Бристол дар Англия буда, дар ҳама чизҳои зарурӣ фақат аз Худованд ёрмандӣ меҷуст. Мақсади вай дар он буд, то ба мардуми Бристол исбот кунад, ки дар осмон Худое ҳаст, ки ба дуоҳо ҷавоб медиҳад. Вай ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ кас дар хусуси эҳтиёҷоташ намегуфт, ва дар айни ҳол ба садҳо ятимон ғамхорӣ мекард.
45. (12,10) Бисёре аз он чи ҳозир одамон «пайғамбарӣ» меноманд, ё ба таври нав баён кардани матнҳои Навиштаҳои Муқаддас аст, ё иштибоҳи пурра буда, ҳеҷ гоҳ иҷро намешавад. Забони ҳам ин ва ҳам он аксаран тақлиди бади забони қадимист, гӯё Худо тавон надорад бо мо ба забони имрӯза муошират кунад!
46. (12,13) Калимаи юнонии «эн»-ро бо аниқии баробар (мувофиқи каринаи матн) бо пешояндҳои дигар (дар, бо, ба воситаи) низ тарҷума кардан мумкин аст, аммо мо чунин меҳисобем, ки пешоянди «дар» аниқтар аст.
47. (12,29-30) Ин саволҳо дар забони юнонӣ бо «ме» сар мешаванд, ки ба таври зайл баён карданро металабанд: «Наход ки ҳама ба забонҳо сухан меронанд» ва ғ.
48. (13,11) Дар забони юнонӣ ин ҷо «непиос» аст (муқоиса кунед бо Ибр. 5,13).
49. (14,5) Kelly, *First Corinthians,* саҳ. 229.
50. (14,13) Аммо дар нусхаи асл ишора ба он нест, ки гӯянда ва тафсиркунанда як шахс нест.
51. (14,19) Charles Hodge, *First Corinthians,* саҳ. 292
52. (14,35) Худи ҳамон калимаи «андрес» маънoҳои «шавҳарон» ва «мардон»-ро ифода карда метавонад.
53. (15,45) Erdman, *First Corinthians,* саҳ.148.
54. (15,47) Дар НА калимаи «Худованд» партофта шудааст.
55. (15,49) Қисми зиёди дастнависҳои юнонӣ ин ҷо даъватро доранд: «Биёед, ба худ бигирем ...»
56. (15,54) C. H. Mackintosh, *The Mackintosh Treasury: Miscellaneous writings by C. H. Mackintosh,* саҳ. 125.
57. (15,56) Godet, *First Corinthians,* саҳ. 446.
58. (16,12) Ironside, *First Corinthians,* саҳ.542.
59. (16,22) J. C. Ryle, *Holiness,* саҳ. 235.

# Рӯйхати адабиёт

Barnes, Albert.
*Notes on the New Testament. (ҷ. V, 1 Corinthians).*
London: Blackie & Son, солаш номаълум.

Bates, Edward Herbert.
*Spiritual Thoughts from the Scriptures of Truth.*
London: Pickering & Inglis, солаш номаълум.

Davies, J. M.
*The Epistles to the Corinthians.*
Bombay: Gospel Literature Service, 1975.

Erdman, Charles R.
*The First Epistle of Paul to the Corinthians.*
Philadelphia: Westminster Press, 1928.

Godet, F. L.
*The First Epistle to the Corinthians.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1971.

Grant, F. W.
*1 Corinthians, The Numerical Bible. ҷ. 6, Acts to 2 Corinthians.*
New York: Loizeaux Bros., 1901.

Hodge, Charles.
*An Exposition on the First Epistle to the Corinthians.*
New York: George H. Doran Company, 1857.

Ironside, H. A.
*Addresses on the First Epistle to the Corinthians.*
New York: Loizeaux Bros., 1955.

Johnson, S. Lewis.
*First Corinthians, дар The Wycliffe Bible Commentary.*
Chicago: Moody Press, 1962.

Kelly, William.
*Notes on the First Epistle to the Corinthians.*
London: G. Morrish, 1878.

Luck, G. Coleman.
*First Corinthians.*
Chicago: Moody Press, 1958.

Morgan, G. Campbell.
*The Corinthian Letters of Paul: An Exposition of I and II Corinthians.*
New York: Fleming H. Revell Company, 1946.

Morris, Leon.
*The First Epistle of Paul to the Corinthians.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1966.

Robertson, Archibald and Alfred Plummer
*A Critical and Exegetical Commentary on the First Epistle of St. Paul to the Corinthians.*
Edinburgh: T. & T. Clark, 1911.

Vine, W. E.
*First Corinthians.*
London: Oliphants Ltd., 1951.

# НОМАИ ДУЮМ БА ҚУРИНТИЁН

*Беғубории ваҳйи Павлус (дар Номаи дуюм ба Қуринтиён)*
*барои ман дар тамоми адабиёти муқаддас беназир аст.*
Сэдлер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Номаи аввал ба Қуринтиёнро дар мавъизаҳо бисёр меомӯзанд ва истифода мебаранд, аммо ба Номаи дуввум ба Қуринтиён аксар аҳамият намедиҳанд. Аммо ба ҳар ҳол ин номаи хеле *муҳим* аст. Бе шакку шубҳа, чунин беаҳамиятӣ ба андозаи муайян аз боиси услуби кинояомези душвор тарҷумашавандаи он ба вуҷуд омадааст.

Ин Нома *душвор* аст. Маънои бисёр оятҳо, дар ҳадди ақалл, фаҳмо нест. Ба ин якчанд шарҳ ҳаст:

1. Павлус дар бораи аксар чизҳо ҳаҷвомез менависад, ва баъзан боваринок гуфтан душвор аст, ки *маҳз кадом вақт* вай инро мекунад;
2. Барои пурра фаҳмидани баъзе оятҳо маълумоти аниқи иловагӣ дар бораи сафарҳои Павлус, дар бораи сафарҳои ҳамкоронаш ва номаҳои навиштаи ӯ лозим аст;
3. Нома амиқ шахсист ва суханонаш аксар аз дил мебароянд, чунин суханон барои фаҳмиш на он қадар осонанд.

Лекин душвориҳо набояд шасти моро гардонанд. Хушбахтона, онҳо танҳо ба ҷузъиёт дахл доранд ва ба ҳақиқатҳои асосии нома дахл намекунанд.

Ниҳоят, Номаи дуввум ба Қуринтиёнро хеле *дӯст медоранд* ва бисёр *иқтибос меоваранд*. Онро омӯхта, шумо беҳтар мефаҳмед, ки барои чӣ.

### II. МУАЛЛИФӢ

Тақрибан ҳеҷ кас инкор намекунад, ки Номаи дуввум ба Қуринтиёнро Павлус навиштааст, ҳарчанд дар баъзе ҷойҳо назарияҳои «замимаҳо» мавҷуданд. Лекин комилии ин мактуб (бо дурравӣ аз мавзуъ, ки ба Павлус хос аст!) аён аст.

*Шаҳодати берунӣ* оид ба Номаи дуввум ба Қуринтиён пурзӯртар аст, ҳарчанд нисбат ба шаҳодат дар бораи Номаи аввал ба Қуринтиён ба замони қадре дертар дахл дорад. Аҷаб аст, ки Клименти Румӣ онро иқтибос намеоварад, лекин Поликарп, Ириней, Клименти Искандариягӣ, Тертуллиан ва Киприан иқтибос меоваранд. Маркион онро дар қатори даҳ номаи аз тарафи ӯ эътирофгардидаи Павлус дар ҷои сеюм мегузорад. Вай ба қонуни Мураторӣ ҳам дохил карда шудааст. Аз соли 175 милодӣ сар карда, шаҳодатҳо ба фоидаи Номаи дуввум ба Қуринтиён комилан кофӣ мебошанд.

*Шаҳодати дохилии* муаллифии Павлус бешумор аст. Ба ғайр аз Нома ба Филемӯн, ин мактуби Павлус аз ҳама бештар шахсӣ ва камтар таълимотист. Зуд-зуд ба навиштаҳои худ истинод овардан хусусияти фарққунандаи расул ва алоқаи зичи аён бо 1Қуринтиён, Ғалотиён, Румиён, Амалҳо ҳамаи ин нуқтаи назари анъанавиро тасдиқ менамояд: мактубро Павлус навиштааст. Худи ҳамон муаллиф ва худи ҳамон ҷамоат, ки дар Номаи аввали аз тарафи умум эътирофшуда ҳаст, дар ин нома низ возеҳан маълум мешаванд.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Аз афти кор, Номаи дуввум ба Қуринтиён камтар аз як сол пас аз навишта шудани Номаи аввал ба Қуринтиён аз Мақдуния (баъзе навиштаҳои иловагӣ ба тарҷумаҳои аввалин аниқ муайян мекунанд: аз Филиппӣ) навишта шуда буд. Санагузории аз тарафи умум қабулшудаи Нома соли 57 милодӣ мебошад, вале

аксарият солҳои 55 ё 56 милодиро афзал медонанд, Ҳарнак бошад ҳатто соли 53 милодиро номбар мекунад.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Яке аз сабабҳои муҳаббати мо ба Номаи дуввум ба Қуринтиён дар он аст, ки вай ин гуна шахсист. Зоҳиран, он нисбат ба ҳама навиштаҳои боқимондаи ӯ моро ба Павлус хеле зиёдтар наздик менамояд. Мо ба андозае ҳис менамоем, вай бо чӣ гуна рӯҳбаландии бузург барои Худованд меҳнат мекард. Мо азамати ин вазифаи бузургтарини ҳаётиро пай бурда метавонем. Мо бо тааҷҷуби беовоз номгӯи уқубатҳои аз сар гузаронидаи ӯро мехонем. Мо он шиддати пурҷӯшу хурӯши хашму ғазабро, ки вай бо он ба мунаққидони ҳар воситаро кор мефармудаи худ ҷавоб медод, эҳсос менамоем. Хулоса, Павлус, зоҳиран, ба мо ҳама чизи дар замири дилаш бударо мекушояд.

Дар бораи бори аввал ба Қуринтус омадани Павлус дар боби 18-уми Амалҳо гуфта мешавад. Ин дар вақти сафари дуюми миссионерии ӯ ба вуқуъ омад, дарҳол пас аз он ки вай нутқи машҳури худро дар Арюпогуси Атино эрод намуд.

Дар Қуринтус Павлус бо Акило ва Прискила хайма месохт ва дар куништҳо Хушхабарро мавъиза мекард. Баъд аз Мақдуния Сило ва Титус омаданд, то ки ба ӯ дар мавъизаи Хушхабар, ки он камаш ҳаждаҳ моҳ давом кард, ҳамроҳ шаванд (Аъм. 18,11).

Вақте ки аксарияти яҳудиён мавъизаи Павлусро рад карданд, вай ба ғайрияҳудиён муроҷиат намуд. Вақте ки ҷонҳо ба Худо руҷуъ намуданд, – ҳам яҳудиён, ҳам ғайрияҳудиён, – сардорони яҳудӣ расулро ба назди проконсул Ғолиюн оварданд. Лекин вай онҳоро аз маҳкама берун кард ва гуфт, ки ин кор дар доираи салоҳияти вай нест.

Баъд аз доварӣ Павлус боз рӯзҳои зиёд дар Қуринтус монд, баъд бошад ба Канхария, Эфесус, баъд аз он ба роҳи дуру дароз ба Қайсария ва Антокия баргашта равона шуд.

Дар вақти сафари сеюми миссионерӣ вай ба Эфесус баргашт ва дар он ҷо ду сол монд. Дар ин вақт ҳайати вакилон аз Қуринтус назди Павлус омада, дар бисёр масъалаҳо маслиҳат пурсиданд. Дар ҷавоби саволҳои додашуда Номаи якум ба Қуринтиён навишта шуда буд.

Дертар расул аз он хеле дар ташвиш буд, ки қуринтиён ба мактуби вай чӣ хел эътино карданд, махсусан ба он қисм, ки дар он оид ба ҷазо додани бародари гуноҳкарда гуфта мешавад. Барои ҳамин вай аз Эфесус ба Трӯос равона шуд, ки дар он ҷо умед дошт бо Титус вохӯрад. Лекин вохӯрӣ ба амал наомад ва ӯ ба Мақдуния раҳсипор гардид. Титус бо хабарҳои ҳам нек, ҳам бад ба ҳамин ҷо омад. Масеҳиён бародари гуноҳкардаро ҷазо доданд ва ҷазо ӯро ба сиҳатии рӯҳонӣ оварда расонд. Ин *хабари нек* буд. Лекин масеҳиён ба муқаддасони муҳтоҷ дар Исроил пул нафиристоданд, ҳарчанд ният доштанд ин корро кунанд. Ин хабар аллакай бадтар буд. Ва, ниҳоят, Титус нақл кард, ки дар Қуринтус муаллимони дурӯғин хеле фаъолона амал мекунанд. Онҳо ба кори расул зарар мерасониданд ва обрӯи вайро чун хизматгузори Масеҳ зери шубҳа мегузоштанд. Ва ин *хабари ганда* буд.

Чунин буданд шароитҳое, ки Номаи дуввум ба Қуринтиёнро, ки аз Мақдуния навишта шудааст, ба дунё овард.

Дар Номаи аввал Павлус асосан чун муаллим баромад мекунад, дар Номаи дуввум бошад вай нақши шубонро қабул менамояд. Агар шумо бо диққат гӯш андозед, тапиши дили он касеро мешунавед, ки халқи Худоро дӯст медошт ва худро пурра баҳри беҳбудии онҳо мебахшид.

Инак, биёед акнун ба ин сафари бузург раҳсипор мешавем. «Андешаҳоеро, ки нафас мекашанд ва суханонеро, ки месӯзанд» омӯхта, инро бо дуо дар бораи он хоҳем кард, ки Худо моро бо Рӯҳулқудси Худ маърифатнок намояд.

# Нақша

I. ПАВЛУС ХИЗМАТГУЗОРИРО ШАРҲ МЕДИҲАД (Б. 1–7)
- А. Салом (1,1.2)
- Б. Хизматгузории тасалло дар уқубатҳо (1,3-11)
- В. Фаҳмонидани тағйири нақшаҳои Павлус (1,12–2,17)
- Г. Тавсияномаи Павлус барои хизматгузорӣ (3,1-5)
- Ғ. Муқоисаи Аҳдҳои Қадим ва Нав (3,6-18)
- Д. Уҳдадории ошкоро мавъиза намудани Хушхабар (4,1-6)
- Е. Зарфи гилин бо тақдири осмонӣ (4,7-18)
- Ё. Зиндагӣ дар партави Курсии Доварии Масеҳ (5,1-10)
- Ж. Виҷдони поки Павлус дар хизматгузорӣ (5,11–6,2)
- З. Рафтори Павлус дар хизматгузорӣ (6,3-10)
- И. Павлус ба фарохдилӣ ва муҳаббат даъват мекунад (6,11-13)
- Й. Павлус ба ҷудошавӣ дар асоси Навиштаи Муқаддас даъват менамояд (6,14–7,1)
- Ӣ. Павлус ба хабарҳои нек аз Қуринтус хурсандӣ мекунад (7,2-16)

II. ПАВЛУС НАСИҲАТ МЕКУНАД, КИ МАБЛАҒҶАМЪКУНӢ БАРОИ МУҚАДДАСОНИ УРШАЛИМ БА ОХИР РАСОНДА ШАВАД (Б. 8 ва 9)
- А. Намунаҳои хуби саховатмандӣ (8,1-9)
- Б. Маслиҳати нек дар хусуси ба итмом расонидани маблағҷамъкунӣ (8,10.11)
- В. Се принсипи хуби саховатмандӣ (8,12-15)
- Г. Се бародари неки ба ҷамъкунии маблағ фиристодашуда (8,16-24)
- Ғ. Павлус Қуринтиёнро ба сазовори таҳсин шудан даъват менамояд (9,1-5)
- Д. Мукофоти хуб барои саховатмандӣ (9,6-15)

III. ПАВЛУС РАСУЛ БУДАНИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕНАМОЯД (Б. 10–13)
- А. Павлус ба айбдоркунандагони худ ҷавоб медиҳад (10,1-12)
- Б. Принсипи Павлус: замини нокорамро барои Масеҳ шудгор кардан (10,13-16)
- В. Мақсади олии Павлус: ситоиши Худованд (10,17.18)
- Г. Павлус расул будани худро тасдиқ менамояд (11,1-15)
- Ғ. Уқубатҳои Павлус баҳри Масеҳ расул будани ӯро тасдиқ менамоянд (11,16-32)
- Д. Ваҳйҳои Павлус расул будани ӯро тасдиқ менамоянд (12,1-10)
- Е. Аломатҳои Павлус расул будани ӯро тасдиқ менамоянд (12,11-13)
- Ё. Павлус ба зудӣ ба Қуринтус меояд (12,14–13,1)
- Ж. Расул будани Павлусро худи Қуринтиён тасдиқ мекунанд (13,2-6)
- З. Хоҳиши ба Қуринтиён некӣ кардани Павлус (13,7-10)
- И. Хайрбоди меҳрубононаи Павлус (13,11-13)

# Тафсир

## I. ПАВЛУС ХИЗМАТГУЗОРИРО ШАРҲ МЕДИҲАД (Б. 1–7)

### А. Салом (1,1-2)

**1,1** Аз аввали мактуби худ *Павлус* худро чун *бо хости Худо расули Исои Масеҳ* муаррифӣ мекунад. Он чиз муҳим аст, ки вай ин зикрро дар аввал мекунад, зеро дар Қуринтус баъзе одамон масъалаеро мебардоштанд, ки оё дар ҳақиқат Павлус аз тарафи Худованд даъват шудааст. Вай ҷавоб медиҳад, ки хизматгузориро бо ихтиёри худ интихоб накардааст, аз тарафи одамон дастгузорӣ карда нашудааст, балки *бо хости Худо* ба меҳнат барои Исои Масеҳ фиристода шудааст. Вай дар роҳ ба Димишқ чун расул даъват шуда буд. Ин лаҳзаи фаромӯшнашавандаи ҳаёти ӯ буд, ва маҳз дарки даъвати илоҳӣ дар давоми соатҳои зиёди талх расулро дастгирӣ мекард. Аксар вақт дар вақти хизматгузории вай ба Масеҳ фишор тоқатфарсо мегашт, ва он гоҳ агар боварӣ ба ин даъвати илоҳӣ намебуд, вай метавонист ҳамаро партофта ба хона равад.

Он далел, ки дар ин ҷо *Тимотиюс* ёдовар мегардад, онро ифода намекунад, ки вай дар навиштани ин мактуб ёрӣ дода буд. Ӯ ҳамагӣ бо Павлус якҷоя буд, вақте ки вай номаи худро менавишт. Ба ғайр аз ин факт оид ба сафарҳои Тимотиюс дар давоми ин вақт чизи аниқ маълум нест.

Мактуб *ба ҷамоати Худо, ки дар Қуринтус воқеъ аст, ба ҳамаи муқаддасоне, ки дар тамоми Охоия мебошанд* ирсол гардидааст. Ифодаи *«ҷамоати Худо»* онро ифода мекунад, ки сухан дар бораи ҷамъомади имондорони ба Худо таалluқдошта меравад. Ин ҷамъомади бутпарастон намебошад, ягон хел ҷамъомади ғайридинии одамон нест, балки иттиҳоди масеҳиёни аз олами боло зодашуда, ки аз ҷаҳон даъват шудаанд, то ки ба Худо таалluқ дошта бошанд. Бешубҳа, вақте Павлус ин суханонро менавишт, вай ба хотир меовард, ки чӣ хел бори аввал дар Қуринтус буд ва дар он ҷо Хушхабарро мавъиза мекард. Одамони ба бутпарастӣ ва шаҳват мубталогашта ба Исои Масеҳ чун ба Худованд бовар карданд ва бо файзи аҷоиби Ӯ наҷот ёфтанд. Бо вуҷуди ҳамаи мушкилиҳое ки баъдтар дар ҷамъомади Қуринтус ба амал омаданд, дили расул, бешубҳа, бо андеша дар бораи тағйироти ба ин андоза бузург, ки дар ҳаёти одамони ба вай азиз рӯй додаанд, хурсандӣ мекард. Мактуб на фақат ба қуринтиён, балки ба *ҳамаи муқаддасоне ки дар тамоми Охоия мебошанд,* ирсол шудааст. *Охоия* қисми ҷанубии Юнон аст, аммо Мақдуния, ки дар бораи он низ мо дар ин нома мехонем, қисми шимолии он аст.

**1,2** *Файз ва осоиш* чун муроҷиати аҷоиб муттаҳид мегарданд, ки мо онро бо расул Павлус фикран алоқаманд мекунем. Ба халқи Худо беш аз ҳама чиро хостанашро тасвир намуда, Павлус ягон чизи моддӣ, масалан нуқра ё тиллоро ёдовар намешавад. Вай хеле хуб медонад, ки ҳамаи ин тез нест шуда метавонад. Не, вай ба онҳо баракати рӯҳонӣ мехоҳад, ба монанди *файз* ва *осоиш,* ки дар худ ҳамаи неъматҳоро дар бар мегиранд, ки онҳо ба гуноҳкори бечора дар ин тарафи осмон расиданашон мумкин аст. Деннӣ мегӯяд: «Файз сухани аввалин ва охирини Хушхабар мебошад; осоиш бошад солимии комили рӯҳонист – ин амали комили Масеҳ дар рӯҳи одам аст».[1] Ин баракатҳо *аз ҷониби Падари мо Худо ва Худованд Исои Масеҳ* мебароянд. *Падари мо Худо* сарчашма аст, *Худованд Исои Масеҳ* – дарё. Павлус, дудила нашуда, *Худованд Исои Масеҳро* паҳлуи Худо Падар мегузорад, зеро ки чун узви Ваҳдати Сегона *Масеҳ ба Падар* баробар аст.

### Б. Хизматгузории тасалло дар уқубатҳо (1,3-11)

**1,3** Дар оятҳои аз 3 то 11 расул барои *тасаллои* дар байни уқубатҳо ва андӯҳҳо гирифтааш шукргузорӣ менамояд. Бе шак, хабарҳои неки аз Мақдуния овардаи Титус боиси *тасалло* гардиданд. Баъд расул нишон медиҳад, ки ҳам уқубатҳо, ҳам тасаллои вай – ҳама чиз бо мурури замон барои масеҳиёне ки ба онҳо вай хизмат мекунад, ба некӣ мебошад. Вай *Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳро* шукргузорӣ менамояд. Ин номи пурраи *Худо* дар Аҳди Нав мебошад. Ба Ӯ дигар чун ба Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб муроҷиат намекунанд. Дар ин ҷо Ӯ *Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ аст.* Воқеан, ин ном он ҳақиқати бузургро дар назар дорад, ки Худованд Исо ҳам Худост, ҳам Одам. Худо

*Худои* Худованди мо Исои Масеҳ аст; дар ин ҷо муносибати Ӯ бо *Исо,* Писари Одам дар назар дошта шудааст. Лекин дар айни ҳол Худо *Падари Худованди мо Исои Масеҳ* аст, ва дар ин ҷо муносибатҳои Ӯ бо Масеҳ, бо Писари Худо дар назар дошта шудаанд. Илова бар ин, Худо чун *Падари марҳамат ва Худои ҳар тасалло* тасвир карда мешавад. Тамоми меҳрубонӣ, тамоми тасалло маҳз аз Ӯ мебароянд.

**1,4** Дар ҳамаи андӯҳҳои худ Павлус дар бораи ҳузури тасаллибахши Худо медонист. Дар ин ҷо вай яке аз сабабҳои зиёдро меоварад, ки чаро Худо вайро тасалло медод. Ӯ инро барои он мекард, то ки Павлус, дар навбати худ, *андӯҳгинонро дар ҳар андӯҳашон тасалло дода* тавонад, *бо ҳамон тасаллое ки худамон аз Худо меёбем.* Барои мо калимаи «тасалло» одатан тасалло дар вақти андӯҳро ифода мекунад. Лекин дар Аҳди Нав ин калима маънои васеътарро дорад. Вай ба он дастгирӣ ва ба он рӯҳбаландкунӣ дахл дорад, ки онро мо дар дақиқаи зарурӣ аз одами наздик мегирем. Дар ин оят барои ҳамаи мо дарси амалӣ ҳаст. Тасалло ёфта, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки мо бояд ин тасаллоро барои ба дигарон додан кӯшиш намоем. Мо набояд аз хонаи бемор ё аз хонаи мурда дурӣ ҷӯем, балки ба назди ҳар касе ки ба дастгирии мо муҳтоҷ аст, бояд бидавем. Моро барои он тасалло медиҳанд, ки мо на тасаллоёфтагон, балки тасаллодиҳандагон шавем.

**1,5** Павлус дигаронро тасалло дода метавонад, зеро тасаллои *Масеҳ* ба азобҳои баҳри Ӯ кашида баробаранд. *Азобҳои Масеҳ* дар ин ҷо уқубатҳои Наҷотдиҳандаро барои гирифтани гуноҳҳои мо ифода карда наметавонанд. Онҳо беназир буданд ва ҳеҷ як одам онҳоро бо Ӯ аз сар гузаронда наметавонад. Лекин масеҳиён аз сабаби умумияти худ бо Худованд Исо азоб кашида метавонанд ва азоб мекашанд. Онҳо аз таънаҳо, радкунӣ, душманӣ, нафрат, хиёнат ва ғайра азоб мекашанд. Ҳамаи ин *азобҳои Масеҳ* номида шудааст, зеро Ӯ ҳамон чизро аз сар гузаронд, вақте ки дар замин буд ва то ба ҳол тоқат мекунад, вақте ки аъзоёни Бадани Ӯ азоб мекашанд. Дар ҳар тангии мо Ӯ дилсӯзӣ мекунад (ниг. Иш. 63,9). Вале маънии гуфтаи Павлус дар он аст, ки подош барои ҳамаи ин уқубатҳо бузург аст, ин як қисм дар *тасаллои* Масеҳ аст ва ин *тасалло* ба дараҷаи фаровон кофист.

**1,6** Расул медид, ки ҳам андӯҳи вай, ҳам тасаллои вай ба некӣ меоваранд. Ҳам ону ҳам дигарӣ бо салиб муқаддас гардонда шудааст. Агар вай ғам мехӯрд, ин ба *тасаллӣ ва наҷоти* муқаддасон меовард – на ба наҷоти рӯҳи онҳо, балки ба қувват, ки он бо онҳо дар ҳама озмоишҳои онҳо мебошад. Ибрати сахтиҳои таҳаммулкардаи Павлус қувват ва мардонагии онҳоро меафзояд ва ба андешае меоварад, ки агар Худо файзро барои *азобҳо* ба вай дода бошад, ба онҳо ҳам файз дода метавонад. Вақте ки Семюэл Рэзерфорд ошкор мекард, ки дар «таххонаи мусибатҳо» чуқур ҷойгир аст, ки ин бо вай бисёр рух медод, вай дар ҷустуҷӯи «майҳои беҳтарин»-и Худованд ба ҳар тараф нигоҳ карда сар мекард. Шояд, вай инро аз Павлус ёд гирифт, ки вай, зоҳиран, ҳамеша қобилияти аз байни ашкҳо дидани рангинкамонро дошт.

Тасаллои ёфтаи расул қуринтиёнро бо *тасалло* пур мекунад ва онҳоро ба таҳаммул намудани худи ҳамон таъқиботҳое рӯҳбаланд мекунад, ки вай аз сар гузаронд. Фақат онҳое ки аз озмоишҳои сахт гузаштаанд, медонанд, ки ба дигарон, ба онҳое ки даъват шудаанд аз байни худи ҳамин гузаранд, суханони даркориро чӣ хел гӯянд. Модаре ки фарзанди ягонаашро гум кардааст, модари дигари аз ҳамин дарди рӯҳӣ андӯҳгинро беҳтар тасалло дода метавонад. Падаре ки Писари ягонаашро аз даст додааст, касонеро, ки маҳбубони худро аз даст додаанд, беҳтар аз ҳама тасалло дода метавонад.

**1,7** Расул дар ин ҷо боварии қатъиро баён мекунад: чунон ки қуринтиён чӣ будани баҳри Масеҳ азоб кашиданро фаҳмиданд, ҳамон тавр ёрии тасаллобахши Масеҳро ҳам мефаҳманд. Барои масеҳиён фақат як худи *азобҳо* намеоянд. Аз пайи онҳо ҳамеша *тасаллии* Масеҳ меояд. Мо ба ин чунон ки Павлус боварӣ дошт, ҳамон хел боварӣ дошта метавонем.

«Библияи зинда»-и англисӣ оятҳои 3-7-ро чунин андаке тағйир медиҳад:

*Худои мо чӣ гуна олидараҷа аст: Ӯ Падари Худованди мо Исои Масеҳ, сарчашмаи ҳар гуна меҳрубонист, Ӯ Он Касест, ки моро дар андӯҳ ва озмоишҳо чунон ҳайратангез тасалло медиҳад ва устувор мегардонад. Пас чаро Ӯ инро мекунад? То ки ҳангоме дигарон дар мусибатанд ва ба ҳамдардӣ ва дастгирии мо*

*муҳтоҷанд, мо ба онҳо ҳам ёрӣ, ҳам тасалло, ки онро Худо ба мо дод, дода тавонем.*

*... Худо моро дар андӯҳ тасалло дод ва ин ҳам барои он ки ба шумо ёрӣ диҳад: то ба шумо дар мисоли мо нишон диҳад, ки Худо чӣ хел меҳрубонона шуморо тасалло медиҳад, ҳангоме ки аз худи ҳамон азобҳо гузаштанатон лозим меояд. Ӯ ба шумо қувва медиҳад, то ҳама чизро таҳаммул кунед.*

**1,8** Павлус дар бораи андӯҳ ва тасалло умуман сухан ронда, дар бораи он озмоишҳои вазнине ки ба наздикӣ аз сар гузаронд, аниқтар нақл мекунад. Вай намехоҳад, ки бародарони қуринтӣ *оид ба андӯҳе ки* бо вай *дар вилояти Осиё буд,* (Осиё дар ин ҷо на қитъаи ҷаҳон, Осиёро, балки вилоятро дар қисми ғарбии Осиёи Хурди ҳозира ифода мекунад) *бехабар* бошанд. Лекин дар ин ҷо расул дар бораи кадом *андӯҳ* мегӯяд? Эҳтимол, ин ба бетартибиҳои бо хатар алоқаманд дар Эфесус тааллуқ дорад (Аъм. 19,23-41). Баъзеҳо тахмин менамоянд, ки сухан дар бораи бемории марговар меравад, вале дигарон чунин меҳисобанд, ки дар зери андӯҳ хабарҳои ғамангез аз Қуринтус дар назар дошта шудаанд. Хушбахтона, қимати ин порча ва ҳаловат аз хондани он ба донистани тафсилоти аниқ вобаста нест.

Лекин андӯҳ ба андозае ҷиддӣ ва чунон аз ҳад зиёд буд, ки *зиёда аз* пурбардоштии табиии муқаррарӣ Павлусро рӯҳафтода мекард, ки вай *ба зинда мондан* дигар *умед* надошт.

Филлипс ин оятро хеле хуб баён кардааст: «Дар он вақт мо комилан рӯҳафтода будем; гаронӣ нисбат ба он ки мо бардошта тавонем, зиёдтар буд; аслан, мо ба худ гуфтем, ки ин охир аст».

**1,9** Кайфияти расул ба андозае ғамгинона буд, ки вай худро ба *марг* маҳкумшуда эҳсос мекард. Агар аз ӯ мепурсиданд, ки дар пеш вайро ҳаёт ё марг интизор аст, вай марг гуфта ҷавоб медод. Худо ба ғуломи Худ барои он то ба чунин ҳолати вазнин расиданро имкон дод, *то ки* вай *на ба худ, балки ба Худо, ки мурдагонро бармехезонад,* умед бандад. *Худое ки мурдагонро бармехезонад,* бешубҳа, парафрази ифодаи «Худои тавоно» мебошад. Он Касе ки мурдагонро зинда карда метавонад, ягона умеди одами ба марг маҳкум кардашуда мебошад, ки расул худро чунин меҳисобид.

**1,10** Дар аксари дастнависҳо Павлус дар бораи халосшавӣ дар се замон менависад: гузашта *(халос кард),* ҳозира *(халос мекунад)* ва оянда *(халос хоҳад кард).*[2] Агар бетартибиҳо дар Эфесус дар назар дошта шуда бошанд, пас Павлус дар бораи он мегӯяд, ки онҳо чӣ хел банохост ба охир расиданд ва ӯ наҷот ёфт (Аъм. 20,1). Расул медонад, ки худи ҳамон Худо, ки вайро дар гузашта *халос кард,* вайро ҳар рӯз *халос карда* метавонад ва то он рӯзи бузурги охирин, ки вай, ниҳоят, аз ҳамаи мусибатҳо ва таъқиботи ҷаҳон озод мешавад, *халос хоҳад кард.*

**1,11** Дар ин ҷо Павлус олиҳимматона тахмин менамояд, ки ҳангоме ӯ аз озмоишҳои вазнин мегузашт, масеҳиёни Қуринтус барои вай дуо мегуфтанд. Дар асл бошад бисёр масеҳиён ба расули бузург бо назари танқид нигоҳ мекарданд ва ин ҳам ҳанӯз аниқ нест, ки оё онҳо умуман дар назди тахти файз ӯро ба ёд оварданд. Лекин вай тайёр аст шубҳаҳоро ба фоидаи онҳо ҳал намояд. Ифодаи *«бо дуои касони бисёр ба мо ато шудааст»* ба халосшавии ба Павлус *атошуда* дахл дорад, ки он ба вай бо дуои *касони бисёр* ато шуда буд. Вай халосшавии худро натиҷаи бевоситаи *дуои* муқаддасон меҳисобад. Вай мегӯяд, ки бисёр касон дуо мегуфтанд ва бинобар ин *бисёр касон* акнун *шукргузорӣ* карда метавонанд, зеро дуои онҳо шунида шуд.

## B. Фаҳмонидани тағйири нақшаҳои Павлус (1,12–2,17)

**1,12** Павлус ҳис мекунад, ки ба дуои масеҳиён умед баста метавонад, зеро вай ҳамеша бо онҳо самимӣ буд. Вай бо самимият ва бовиҷдонии худ дар муносибат бо онҳо фахр карда метавонад, виҷдони вай бошад дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки рафтораш *бо покӣ ва самимияти* писанди Худо тавсиф меёфт, яъне бо он софдилии равшан, ки он аз Худо мебарояд. Вай то усулҳои одамони *ҷисмонӣ* паст намефаромад, *балки* дар назди ҳама рӯйрост, бо он қувваи *(файзи)* худодод, ки ӯ сазовори он нест, амал мекард. Қуринтиён инро махсусан равшан бояд медиданд.

**1,13** Кушодадилие ки дар гузашта ба вай дар муносибат бо қуринтиён хос буд, дар ин мактуб ҳам намоён аст. Ва ӯ маҳз ҳамон чизеро, ки дар назар дорад, *менависад.* Онҳо ба хондани байни сатрҳо эҳтиёҷ надоранд. Маъно дар

рӯй хобидааст, одӣ ва возеҳ. Ин *маҳз ҳамон* чиз аст, *ки* онҳо *мехонанд ва мефаҳманд,* ва ӯ умедвор аст, ки онҳо баъд аз ин ҳам ва ҳатто *то ба охир,* яъне то даме ки онҳо зиндаанд, *мефаҳманд.*

**1,14** Ҷамоат Дар Қуринтус Павлусро *қисман* эътироф мекард, яъне вайро баъзе масеҳиён, лекин на ҳама, эътироф мекарданд. Онҳое ки ба вай содиқ буданд, мефаҳмиданд, ки онҳо бо вай фахр хоҳанд кард, ва вай бо онҳо *дар рӯзи Худованд Исо* фахр хоҳад кард. *Рӯзи Худованд Исо* қаблан дидани Курсии Доварии Масеҳ аст, ки он вақт хизматгузории наҷотёфтагон подош дода мешавад ва мукофотонида мешавад. Ҳангоме ки Павлус ба оянда, ба ин доварӣ нигоҳ мекард, якзайл рӯи касонеро медид, ки ба василаи хизматгузории вай наҷот ёфтаанд. Онҳо хурсандии вай, авҷи аълои шодии пурҷӯшу хурӯши вай хоҳанд буд ва онҳо, дар навбати худ, аз он шод хоҳанд шуд, ки вай дар дасти Худо асбоб буд ва онҳоро ба Масеҳ овард.

**1,15** Ифодаи *«бо ҳамин эътимод»* чунин маъно дорад: «бо эътимоди он ки онҳо ба вай чун ба расули ҳақиқии Исои Масеҳ шодӣ мекарданд, ба оне ки самимияти вай бегумон аст». Вай ба назди онҳо бо эътимод ва боварӣ, эҳтиром ва муҳаббати онҳо *омадан* мехост. Вай пеш аз он ки ба Мақдуния равона шавад, *ният дошт* ба назди онҳо *биёяд* ва баъд боз як маротиба, дар вақти аз Мақдуния баргаштан. Ба ҳамин тариқ, онҳо *дубора файз* меёфтанд ба маънои ду бор омадан ба ҷои як бор.

**1,16** «Файзи дубора» дар ояти 16 шарҳ дода мешавад. Чӣ тавре ки пеш гуфта шуда буд, нақша аз он иборат буд, ки Павлус Эфесусро тарк карда, аз Охоия мегузарад, ки Қуринтус дар он ҷо ҷойгир аст, сипас ба шимол, ба *Мақдуния,* равона мешавад. Вай умед дошт, ки масеҳиёни қуринтӣ ба вай дар роҳ *ба Яҳудо* ёрӣ медиҳанд бо меҳмоннавозӣ ва дуоҳо, лекин на бо пул, зеро баъдтар вай дар бораи он мегӯяд, ки қарор додааст аз онҳо пул нагирад (11,7-10).

**1,17** Нақшаи ибтидоии Павлус ҷомаи амал напӯшид. Аз Эфесус вай ба Трӯос равона шуд, Титусро наёфта, аз паҳлуи Қуринтус гузашта, рост ба Мақдуния рафт. Бинобар ин вай дар ин ҷо мепурсад: *«Чунин ният карда, оё сабукфикрона рафтор намудам?»* Шояд туҳматчиён дар бораи вай маҳз чунин мегуфтанд. «Павлуси беэътимод, ноустувор! Вай як чиз мегӯяд, лекин чизи дигарро мекунад! Оё чунин одам расули ҳақиқӣ буда метавонад?» Расул қуринтиёнро мепурсад, ки оё вай дар ҳақиқат беэътимод аст. Вақте ки вай ягон иқдом мекунад, оё вай онро *ҷисмонӣ* мекунад, ба тавре ки натиҷа ҳозир *ҳа* мешавад, баъд аз як дақиқа бошад *не* мешавад? Оё вай танҳо бо мулоҳизаи роҳатнокӣ ва манфиат амал мекард? Филлипс рӯҳияи ин оятро дар парафрази худ ошкор намудааст: «Агар ба мо лозим омада бошад, ки ин нақшаро тағйир диҳем, оё ин маънои ноустувории моро дорад? Шумо дар ҳақиқат андеша доред, ки нақшаҳо кашида, «ҳа» гуфта, «не» андешида, ман маккорӣ мекунам?»

**1,18** Чунин метобад, ки Павлус аз *сухани* худ оид ба нақшаҳои сафар ба мавъиза мегузарад. Эҳтимол, танқидкунандагони вай мегуфтанд, ки агар ба сухани вай дар суҳбати одӣ бовар кардан мумкин набошад, пас махсусан ба мавъизаи вай бовар кардан мумкин нест.

**1,19** Павлус исбот менамояд, ки амалҳои вай ба боварӣ нолоиқ набуданд, зеро ки Наҷотдиҳанда, ки вай Ӯро мавъиза мекунад, илоҳист ва тағйир наёфтааст, дар Ӯ ноустуворӣ ва тағйирёбандагӣ нест. Вақте ки Павлус бори аввал ба Қуринтус якҷоя бо *Силвонус* (Сило) *ва Тимотиюс* (Аъм. 18,5) омад, онҳо *Писари Худоро, ки* сазовори бovарист, мавъиза мекарданд. «Хабар тағйирёбанда набуд, зеро ки ба *Писари Худо* дахл дошт, ки Ӯ дудила намешавад». Павлус бо он асос нишон медиҳад, ки ҳеҷ кас аз мавъизакунандагони Худованд Исо дар Рӯҳ ин тавр рафтор карда наметавонист, чунон ки дар бораи вай айбдоркунандагон мегуфтанд. Деннӣ мегӯяд: *«Далели дар ин ҷо овардаи Павлусро риёкор истифода бурда метавонист, лекин ҳеҷ як мунаққид ҳеҷ гоҳ онро ихтироъ намекард. Ба суханони худ ноустувор буда, вай чӣ хел Худои содиқро мавъиза карда метавонист?»*

**1,20** *Ҳамаи ваъдаҳои Худо* – аҳамият надорад, ки онҳо чандтоанд, – *дар Масеҳ* иҷро мешаванд. Ҳамаи онҳое ки *дар Ӯ* иҷроиши ваъдаҳои Худоро меёбад, ба ин «омин»-и худро илова мекунанд:

*Мо дар Навиштаи Муқаддаси худ ваъдаро мехонем, мо ба боло ба Худо нигоҳ мекунем ва Худо мегӯяд: «Ҳамаи ин дар шумо ба василаи Масеҳ буда метавонад». Ба Масеҳ боварӣ*

*карда, мо ба Худо «омин» мегӯем. Худо ба василаи Масеҳ мегӯяд ва мо ба Масеҳ бовар мекунем; Масеҳ дасти худро ба поён дароз мекунад, имон бошад ба боло паҳн мешавад ва ҳар кадом ваъдаи Худо дар Исои Масеҳ иҷро мешавад. Дар Ӯ ва ба василаи Ӯ мо онҳоро ба худ мегирем ва мегӯем: «Оре, Худовандо, ман ба Ту бовар мекунам». Ва ин «оре» бо имон тавлид ёфтааст.*[3]

Ҳамаи ин *барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо аст.* Деннӣ менависад: «Худо ҷалол меёбад, ҳангоме ки рӯҳи одамонро фаҳмиши он мунаввар месозад, ки Ӯ ба онҳо неъматеро, ки аз умеди бештарини онҳо зиёд аст, ваъда кард ва ҳангоме ки аён аст, ки ин неъмат дар Писари Ӯ устувор ва боэътимод нигоҳ дошта мешавад».

Се калима – *ба воситаи мо* – ба қуринтиён хотиррасон мекунанд, ки маҳз ба воситаи мавъизаи Силвонус, Тимотиюс ва Павлус барин касон онҳо умуман ба ваъдаи Худо дар Масеҳ ҳуқуқ ба даст овარданд. Агар расул фиребгар буд, ки дар он душманон вайро гуноҳкор мекарданд, пас оё чунин буда метавонад, ки Худо фиребгар ва дурӯғгӯйро истифода бурда чунин натиҷаҳои ҳайратангезро ба даст овард? Албатта, не.

**1,21** Дертар Павлус нишон медиҳад, ки ҳам қуринтиён ва худи вай ҳам дар як банди ҳаётӣ баста шудаанд. *Худо* онҳоро дар имон мустаҳкам намуд, *дар Масеҳ* бо хизматгузории сухани илоҳӣ устувор гардонд. Ӯ онҳоро бо Рӯҳ *масҳ карда,* ба онҳо ҳуқуқ ва қувва дод ва омӯзонд.

**1,22** Ӯ онҳоро *ҳам муҳр задааст ва гарави Рӯҳро дар дилҳои* онҳо *андохтааст.* Дар ин ҷо боз оид ба ду тарафи хизматгузории Рӯҳулқудс гуфта мешавад. Муҳр гарави моликият ва таъмини амният мебошад. *Рӯҳи* дар масеҳӣ сокинбуда аломати он аст, ки масеҳӣ акнун ба Худо тааллуқ дорад ва ӯ дар амнияти абадист. Муҳр, албатта, ноаён аст. Мардум дар бораи он ки мо масеҳием, на аз рӯи ягон хел нишона дар сари синаи мо, балки фақат аз рӯи шаҳодати зиндагии пур аз Рӯҳ мефаҳманд. Худо *гарави Рӯҳро дар дилҳои* онҳо *андохт* – гарави он ки аз пайи ин тамоми мерос меояд. Ҳангоме ки Худо одамро наҷот медиҳад, Ӯ ба вай *Рӯҳулқудс*ро медиҳад, то ки Ӯ дар вай сокин бошад. Чунон ки одам Рӯҳро қабул менамояд, ҳамин тавр низ вай ворители пурраи Худо мегардад. Худи ҳамон неъматҳое ки Рӯҳулқудс ба мо дар зиндагии имрӯзаамон медиҳад, дар рӯзи оянда комилан аз они мо мегарданд.

**1,23** Аз ояти 23 то боби 2,4 Павлус ба айбдоркунӣ дар нопойдорӣ бармегардад, ва рӯйрост мефаҳмонад, ки чаро Қуринтусро (бар хилофи нияташ) зиёрат накард. Азбаски ягон одам сабабҳои ҳақиқии дохилии равонакунандаи рафтори Павлусро дониста наметавонист, вай *Худоро ба шоҳидии* ин факт даъват менамояд. Агар расул *Қуринтусро* дар вақти нияткардааш зиёрат мекард, лозим меомад дар вазъияти дар он ҷо ба амал омада хеле сахт амал кунад. Ба ӯ лозим меомад ба муқаддасон барои дар ҷамоати худ бепарвоёна ба гуноҳ тоқат карданашон шахсан танбеҳ диҳад. Онҳоро маҳз аз ранҷиш ва ғам *амон дода,* Павлус сафари худро *ба Қуринтус* мавқуф гузошт.

**1,24** Вале, инро гуфта, расул Павлус намехоҳад, то ягон кас чунин ҳисобад, ки вай бо қуринтиён чун диктатор рафтор менамояд. Бинобар ин вай илова мекунад: *«На ин ки бар имони шумо ҳукмфармо мешуда бошем; балки барои шодмонии шумо ҳамкорем, зеро дар имон пойдор ҳастед».* Гап дар он нест, ки расул *бар имони* масеҳии онҳо ҳукмфармо шудан мехост. Вай намехост, ки онҳо ӯро мустабид ҳисобанд. Не, вай ва ҳамкоронаш танҳо *ба шодии* онҳо мадад расониданд, яъне вай фақат он чизро кардан мехост, ки ба онҳо дар роҳи масеҳӣ ёрӣ медод ва ба ҳамин тариқ ба шодии онҳо зам мешуд.

Қисми охирини ояти 24-ро чун «зеро шумо *дар* имон устуворед» хондан мумкин аст. Ин онро ифода мекунад, ки зарурати ислоҳ кардани имони онҳо набуд, зеро ки дар ин соҳа онҳо ба қадри кофӣ устувор буданд. Павлус аз ислоҳи дониши таълимотии онҳо дида бештар рафтори таҷрибавии онҳоро дар ҷамоат ислоҳ кардан мехост.

**2,1** Ин оят давоми ду ояти охирини боби 1 аст. Павлус баъдан мефаҳмонад, ки сабаби ба Қуринтус нарафтанаш (бар хилофи нияташ) он аст, ки вай ба онҳо *ғамеро,* ки сарзаниши вай ногузир боиси он мешуд, расондан намехост. Суханони: *«... ман дар дили худ қарор додам, ки назди шумо боз дар ғам наоям»* – зоҳиран, тахмин менамоянд, ки пас аз омадани аввалини худ, ки дар Амалҳо 18,1-17 тасвир ёфтааст, вай ба назди онҳо омада ғаму дард оварда буд. Эҳтимол, дар 2Қуринтиён 12,14

ва 13,1 низ сухан дар бораи ҳамин омадан меравад.

**2,2** Агар расул ба Қуринтус омада, бо ягон чиз шахсан масеҳиёнро маломат мекард, вай, албатта, онҳоро ғамгин мекард. Дар ин ҳолат худи вай ҳам ғамгин мешуд, зеро интизори он буд, ки маҳз ҳамин одамон ӯро шод мегардонанд. Чунон ки Райрӣ мегӯяд: «Агар ман шуморо азият диҳам, кӣ мемонад, ки маро шод гардонад, ба ғайр аз ғамгиншудагон? Дар ин ҳеҷ гуна тасалло нахоҳад буд».

**2,3** Ба ҷои он ки бо омадани худ ин ранҷиши дутарафаро ба вуҷуд орад, расул Павлус қарор дод мактуб нависад. Вай умед дошт, ки Нома натиҷаи дилхоҳ меоварад: қуринтиён бародари гуноҳкардаро ҷазо медиҳанд ва омадани ояндаи Павлус бо муносибатҳои шиддатнок бо ин одамони ба вай хеле азиз тира нахоҳад шуд.

Оё мактубе ки дар қисми якуми ояти 3 сухан дар бораи он меравад, Номаи аввал ба қуринтиён аст, ё ин ягон мактубест, ки ҳозир мавҷуд нест? Аксарият чунин меҳисобанд, ки ин Номаи аввал ба қуринтиён буда наметавонад, зеро ки, мувофиқи ояти 4, вай аз андӯҳи бузург ва дилтангӣ бо ашкҳои зиёд навишта шуда буд. Муҳаққиқони дигар тахмин мекунанд, ки ин тасвир ба Номаи аввал ба қуринтиён хеле хуб мутобиқат менамояд. Эҳтимол, Павлус ба Қуринтус мактуби сахтгирона навишт, ки он то ба мо нарасидааст. Аниқтараш, вай онро пас аз омадани ғамангез навишт (2Қур. 2,1), Титус бошад бурда расонд. Дар бораи чунин мактуб дар 2,4.9; 7,8.12 сухан рафта метавонад.

Новобаста ба он ки кадом нуқтаи назар дуруст аст, маънои ояти 3 чунин мебошад: Павлус ба онҳо барои он маҳз чунин навишт, ки дар вақти омаданаш ба вай лозим наояд, то *аз ғами* онҳое ки бояд боиси *шодии вай гарданд*, азият кашад. Вай ба он муътақид буд, ки он чи ба вай *шодӣ* меоварад, онҳоро ҳам хурсанд мекунад. Дар матн ин онро ифода мекунад, ки ҳалли худотарсонаи масъалаи ҷазои интизомӣ ба шодмонии дутарафа меоварад.

**2,4** Дар ин оят мо ба қаъри дили шубони бузурги рӯҳонӣ назар афканда метавонем. Барои Павлус хеле аламовар буд, ки ҷамъомади қуринтиён бо гуноҳ муросо мекард. Ин боиси *андӯҳи бисёр ва дилтангии* вай мешуд ва *ашки* сӯзони ғам аз рухсораҳояш мешорид. Зоҳиран, гуноҳ дар ҷамоати Қуринтус аз худи қуринтиён дида бештар расулро ба ташвиш меовард. Онҳо ин мактубро бояд на чун кӯшиши ба ҳиссиёти онҳо сахт расидан, балки чун исботи *муҳаббати* вай ба онҳо мефаҳмиданд. Вай умед дошт, ки, агар вай ба онҳо нависад, ба онҳо барои ислоҳи вазъият вақт кифоят мекунад, пас омадани ояндаи вай хурсандиовар мешавад. «Таънаҳои дӯст самимист» (Мас. 27,6). Мо набояд ба ғазаб оем, агар ба мо парҳезгорона маслиҳат диҳанд ё моро огоҳӣ диҳанд. Мо бояд фаҳмем, ки он касе ки инро мекунад, нисбати мо бетараф нест. Танбеҳи ҳақро чунон бояд қабул кард, ки гӯё вай аз Худо мебарояд ва барои он шукргузор бояд буд.

**2,5** Дар оятҳои аз 5 то 11 расул дар бораи ҳодисае ки ин мушкилотро ба вуҷуд овардааст, рӯйросттар сухан меронад. Таваҷҷуҳ намоед, вай чӣ гуна меҳрубонӣ ва эҳтироми масеҳӣ зоҳир менамояд. Вай ягон маротиба гуноҳ ва ё гуноҳкорро номбар намекунад. Ифодаи *«агар касе сабаби ғамгинӣ шуда бошад»* ба касе ки бо хешовандони наздик муҷомиат кардааст (1Қур. 5,1), ё ба ягон каси дигаре ки дар ҷамоат мушкилот ба амал овардааст, дахл дошта метавонад. Мо тахмин менамоем, ки ин ба аввалӣ дахл дорад. Павлус ин таҳқирро шахсан аз они худ намеҳисобид. Ин ба дараҷае *ҳамаи* масеҳиёнро *ғамгин кард.*

**2,6** Масеҳиёни қуринтӣ ба ҷазо додани гуноҳкор розӣ шуданд. Аз афташ, онҳо вайро аз Ҷамоат бадар ронданд. Ин ба он оварда расонд, ки гуноҳкор самимона тавба кард ва дар Худованд барқарор карда шуд. Дар ин ҷо Павлус ба қуринтиён мегӯяд, ки барои ин одам *танбеҳ басанда аст.* Онро бе зарурат давом додан лозим нест. Дар қисми охири оят мо ифодаи *«аз касони бисёр»-ро* мееёбем. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки «бисёр касон» аксарият мебошад. Дигарон тахмин мекунанд, ки ин *ҳамаи* аъзоёни ҷамоатро, ба истисноси як худи ҷазодида, дар назар дорад. Ин охириҳо инкор мекунанд, ки овози аксарият дар ҳалли масъалаҳои ҷамоатӣ басанда аст. Онҳо мегӯянд, ки дар он ҷое ки Рӯҳулқудс амал мекунад, қарорҳо якдилона бояд бошанд.

**2,7-8** Акнун, вақте ки ин одам пурра тавба кард, қуринтиён бояд ӯро *бахшанд* ва ба мушоракати худ аз нав қабул намуда ба дастгирӣ кардан кӯшиш намоянд. Агар онҳо инро

накунанд, хатаре ҳаст, ки *ғуссаи аз ҳад зиёд ӯро фурӯ* хоҳад бурд, яъне вай, ба ҳақиқат будани бахшиш бовар накарда, ноумед шуда, метавонад дар ноумедӣ ва ғуссаи доимӣ зиндагӣ кунад.

Қуринтиён бояд *ба ӯ муҳаббат* зоҳир намоянд ва васеъ оғӯш кушода, ӯро бо хурсандӣ ва некӣ аз нав қабул кунанд.

**2,9** Павлус Номаи аввал ба Қуринтиёнро менавишт, то ки муқаддасонро санҷад. Ин ба онҳо имконият медод, то нишон диҳанд, ки оё онҳо дар ҳақиқат ба сухани ба василаи расул Павлус фиристодашуда *фармонбардор* ҳастанд. Вай ба онҳо пешниҳод намуд, ки ин одамро аз робитаи Ҷамоат хориҷ кунанд. Онҳо маҳз чунин рафтор намуданд ва бо ин нишон доданд, ки дар ҳақиқат *фармонбардоранд*. Ҳозир Павлус мехоҳад, то ки онҳо қадами навбатиро гузоранд ин одамро аз нав қабул намоянд.

**2,10** Филлипс ояти 10-ро чунин дигар хел карда баён мекунад: «Агар шумо одами муайянро афв намоед, муътақид бошед, ки ман ҳам ӯро афв менамоям. Дар он чи ман шахсан вайро афв карда метавонам, ман ӯро чун дар назди Масеҳ афв менамоям». Павлус мехоҳад, то ки муқаддасон донанд: агар онҳо гуноҳкори тавбакардаро афв намоянд, вай бо онҳо ҳамфикр аст. Агар Павлус бояд вайро дар чизе афв намояд, вай ӯро ба хотири қуринтиён ва *ба ҳузури Масеҳ мебахшад*.

Таваҷҷуҳе ки дар ин мактуб ба ҷазои ҷамоатӣ ҷудо карда шудааст, аҳамиятнокии онро нишон медиҳад. Ва ба ҳар ҳол ҷамоатҳои зиёди инҷилӣ имрӯз ба ин масъала беэътиноӣ мекунанд. Ана боз як мисоли он, ки мо метавонем илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаи Муқаддасро эътироф намоем ва дар айни ҳол аз итоат ба он рӯ гардонем, вақте ки ин ба мо маъқул нест.

**2,11** Дар вақти зарурат ба кор набурдани ҷазо ба ҷамоат ба ҳамон андоза хатарнок аст, ки афв накардан ҳангоме ки одам самимона тавба кард. *Шайтон* бо касдҳои ҳилагаронаи худ ба чунин вазъият ҳамеша тайёр аст мудохила намояд. Дар мавриди аввал вай обрӯи ҷамоатро бо он гуноҳе ки бо он вай муросо мекунад, мерезонад, дар дуввумаш бошад, тавбакунандаро, агар ӯро ҷамоат барқарор накунад, ба ғуссаи аз ҳад зиёд ғӯтавар мекунад. Агар шайтон бо бадахлоқӣ нест карда натавонад, вай мекӯшад инро бо ғуссаи беандозае кунад, ки аз пайи тавба меояд.

Ифодаи *«аз дасисаҳои вай бехабар нестем»-ро* шарҳ дода, Ҷ. Сидлоу Бакстер мегӯяд:

*Шайтон ҳамаи намудҳои ҳилаву найрангро истифода мебарад, то ки ҷонҳоро аз ҳақиқат рӯ гардонад: ғалберро, то ки онҳоро «ғалбер кунад» (Луқ. 22,31); «дасисаҳо»-ро, то ки бо макру ҳила фиреб диҳад (ба монанди матни мо); «алафҳои бегона»-ро, то ки пахш кунад (Мат. 13,22); ҳилаву найрангро, барои фитна андохтан (Эфс. 6,11); наъраи шерро, барои тарсонидан (1Пет. 5,8); симои фариштаро, барои фиреб додан (2Қур. 11,14) ва тӯрҳоро, барои дастгир кардани онҳо (2Тим. 2,26).*[4]

**2,12** Павлус дар ояти 4 шарҳ дода буд, ки чаро вай нақшаҳои худро тағйир дод. Дар ин ҷо вай ба ҳамин масъала бармегардад. Вай ба Қуринтус нарафт, ва дар ин бора аз ибтидо эълон намуд. Дар оятҳои пешина гуфта шудааст, ки вай ба Қуринтус наомад, то ки аз омадан бо танбеҳҳои сахт халос шавад. Дар оятҳои 12-17 Павлус нақл мекунад, ки дар ин лаҳзаи муҳими хизматгузории ӯ бо вай маҳз чӣ ба вуқуъ омад. Чунон ки пеш гуфта шуда буд, Павлус Эфесусро тарк карда, *ба Трӯос* ба умеде раҳсипор гардид, ки дар он ҷо Титусро вомехӯрад ва аз Қуринтус навигариҳоро мегирад. Вақте ки вай ба Трӯос расид, *Худованд* дар назди ӯ як *дари* муъҷизанокро кушода, имконияти дар бораи *Масеҳ башорат доданро* дод.

**2,13** Ба ин имконияти қиматбаҳо нигоҳ накарда, *рӯҳи* Павлус ноором буд. *Титус,* ки вай барои вохӯрдан бо ӯ мерафт, дар он ҷо набуд. Бори гарони ҷамоати Қуринтус дар дили расул вазнин мехобид. Оё вай бояд дар Трӯос монад ва Хушхабари Масеҳро мавъиза намояд? Ё ба пеш, ба Мақдуния равад? Вай қарор дод ба *Мақдуния* равад. Шавқовар аст, ки қуринтиён ба ин суханон чӣ гуна эътино карданд. Оё онҳо фаҳмиданд – шояд бо андаке шарм, – ки маҳз рафтори *онҳо* расулро ноором кард, маҳз ҳамин чиз боиси он шуд, ки вай маҷбур шуд имконияти хуби башорат доданро рад кунад, то ки дар хусуси беҳбудии рӯҳонии онҳо фаҳмад?

**2,14** Павлус мағлуб нашуда буд. Ба ҳар ҷое ки вай дар хизматгузории Масеҳ мерафт, ғалаба ҳамроҳи ӯ буд. Ва аз ҳамин сабаб вай

сипосгузории худро баён менамояд: *«Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ пирӯзӣ мебахшад»*.

А. Т. Робертсон мегӯяд:

*Павлус бе ягон сухани шарҳдиҳанда аз ботлоқи маъюсӣ берун мебарояд ва ба қуллаҳои шодмонӣ тез равона мешавад. Вай чун уқоб, водии дар поён бударо хор шумурда, дар баландӣ парвоз мекунад.*[5]

Павлус дар ин ҷо аз роҳпаймоиҳои тантананоки музаффаронаи фотеҳони румӣ намуна мегирад. Баъд аз ғалабаи пуршукӯҳ ба хона баргашта, онҳо асирони худро аз кӯчаҳои пойтахт мегузаронданд. Аз ду тараф бухурдони хушбӯиҳоро бардошта мебурданд ва *бӯи хуш* тамоми гирду атрофро фаро мегирифт. Павлус Худовандро тасвир менамояд, ки чун фотеҳ аз Трӯос ба Мақдуния мебарояд ва расулро дар аҳли рикоби Худ мебарад. Ба ҳар ҷое ки Худованд ба воситаи хизматгузорони Худ равад, Ӯ дар ҳама ҷо ғалаба мекунад. *Бӯи хуши дониши* Масеҳ ба василаи расул дар ҳама ҷо пахн карда мешавад.

Ф. Б. Мейер менависад:

*Ба ҳар ҷое ки онҳо раванд, дар ҳама ҷо одамон Исоро беҳтар мешинохтанд, зебоии шахсияти Худованд равшантар мегардид. Одамон бӯи хуши дар ҳаво паҳнгаштаро эҳсос мекарданд ва он онҳоро ба Одам аз Носира ҷалб мекард.*[6]

Ба ҳамин тариқ, Павлус ҳис мекунад, ки на вай дар ҷанг бо шайтон мағлуб шуд, балки Худованд ғалаба ба даст овард ва Павлус дар он шарик аст.

**2,15** Дар роҳпаймоиҳои музаффарона, ки Павлус дар бораи онҳо мегӯяд, бӯи хуши бухур барои ғолибон ғалабаи бошукӯҳро ифода мекард, лекин ба асирон дар бораи тақдири онҳо мегуфт. Ба ҳамин тариқ, расул мегӯяд, ки мавъизаи Хушхабар натиҷаи дутарафа дорад.

Барои *наҷотёбандагон* вай як чизро, ва барои *нобудшавандагон* чизи тамоман дигарро ифода мекунад. Барои онҳое ки Хушхабарро қабул мекунанд, вай гарави оянддаи пуршукӯҳ мегардад; барои дигарон ин нишонаи ҳалокат аст. Лекин *Худо* дар ҳар ҳолат ҷалол дода мешавад, зеро ин барои Ӯ бӯи хуши файз дар як маврид ва бӯи хуши адолат дар мавриди дигар аст. Инро Ф. Б. Мейер хуб ифода кардааст:

*Вақте ба мо мегӯянд, ки барои Худо мо бӯйи муаттари Масеҳ буда метавонем, ин бояд дар назар дошта бошад, ки мо чунин зиндагонӣ карда метавонем, ки ба Худо дар бораи Исо дар роҳи марги Ӯ ёдовар мешавем. Ин монанди он аст, ки гӯянд: вақте Худо ба мо ҳар рӯз нигоҳ мекунад, Ӯ бояд дар мо Исоро бинад; ҳаёти мо бояд (агар ба таври инсонӣ гӯем) ба Ӯ он ҳаёти пурбаракатеро ёдрас кунад, ки ба хотири ин буйи муаттар ба Худо қурбонӣ оварда шудааст.*[7]

**2,16** Барои наҷотёбандагон масеҳиён *бӯи ҳаёт* ҳастанд, *ки ҳаёт меоварад,* барои нобудшавандагон *бӯи марг аст, ки марг меоварад.* Мо он чизе ҳастем, ки Филлипс «бӯи рӯҳафзои худи ҳаёт» меномад, ва он ба имондорон ҳаёт меоварад; лекин барои онҳое ки бовар кардан намехоҳанд, мо «бӯи марговари ҳалокат» мебошем. Ин натиҷаи дутарафа бо ҳодисае дар Аҳди Қадим хеле хуб нишон дода шудааст. Вақте фалиштиён сандуқи Худоро гирифтанд, вай ба онҳо тамоми он муддате ки вай дар дасти онҳо буд, марг ва вайронӣ меовард (1Сам. 5). Лекин вақте ки онро баргашта доданд ва дар хонаи Убайд-Адум гузоштанд, ин ба вай ва хонаи вай баракат ва пешрафт овард (2Сам. 6,11). Дар бораи ҷавобгарии бузурги мавъиза кардани хабаре ки чунин оқибатҳои дурраванда дорад, андеша ронда, Павлус хитоб менамояд: *«Ва кист, ки ба ин қобил бошад?»*

**2,17** Алоқаи байни оятҳои 17 ва 16 беҳтар намоён мешавад, агар дар байни онҳо ҷонишини «мо» гузошта шавад. «Кист, ки ба ин қобил бошад? Мо, зеро *мо Каломи Худоро харидуфурӯш намекунем* ...» (Лекин, ба ҳар ҳол, ин изҳоротро аз 3,5 ҷудо накарда дида баромадан лозим аст, ки дар он ҷо Павлус мегӯяд, ки тамоми қобилияти вай аз Худост.) *«Бисёр касон»*[8] ба муаллимоне дахл дорад, ки ба барқароршавии дини яҳудӣ майл доштанд ва мекӯшиданд, то қуринтиён аз расул рӯ гардонанд. Инҳо чӣ гуна одамон буданд? Павлус мегӯяд, ки онҳо *Каломи Худоро* мояи тиҷорат ва ҳаннотӣ кардаанд, ё онро нуқсондор мекарданд. Онҳоро майлҳои тамаъкорона водор мекарданд. Онҳо мекӯшиданд хизматгузориро ба касби фоиданок табдил диҳанд. Худи ҳамон калимае ки он дар ин ҷо «харидуфурӯш» тарҷума шудааст, нисбати онҳое кор фармуда мешуд, ки шаробро барои фурӯш одатан об ҳамроҳ карда вайрон мекарданд. Ин муаллимони дурӯғин низ ҳамин тавр мекӯшиданд

Каломи Худоро бо таълимоти шахсии худ омехта кунанд. Онҳо мекӯшиданд, масалан, шариат ва файзро омехта кунанд.

Павлус аз он шахсоне набуд, ки Каломи Худоро омехта мекунанд, ё бо он ҳаннотӣ мекунанд. Аниқтараш, вай хизматгузории худро бо чор ифодаи пурмаъно тасвир карда метавонист. Аввалан, *аз самими дил,* ки маънои «кушоду равшан»-ро дорад. Хизматгузории вай бовиҷдонона буд. Бо вай ҳеҷ гуна фиреб, ҳеҷ гуна ҳила алоқа надошт. Ҳамааш кушоду равшан буд. Робертсон маънои ин ифодаро бо зарофат мефаҳмонад: *«Меваҳои Павлус дар зер ҳам ба монанди боло хуб буданд».*[9]

Сониян, Павлус мегӯяд, ки хизматгузории вай *аз ҷониби Худост.* Ба ибораи дигар, ҳамаи он чи вай мегуфт, *аз Худо* бармеомад. Хабари ӯ аз Худо бармеомад ва вай аз Худо барои эълони он қувват мегирифт. Сеюм, вай илова мекунад: *дар ҳузури Худо.* Ин онро ифода мекунад, ки дар хизматгузории худ ба Худованд расул дарк мекард, ки *Худо* ҳамеша ба вай аз боло нигоҳ мекунад. Вай ҳақиқатан дар назди Худо ҷавобгарӣ ҳис мекард ва мефаҳмид, ки аз нигоҳи Худо ҳеҷ чиз пинҳон намемонад. Ва чорум, вай хулоса мекунад: *дар Масеҳ мавъиза менамоем.* Ин онро ифода мекунад, ки вай ба исми *Масеҳ,* бо қудрати *Масеҳ,* чун намояндаи *Масеҳ* мегуфт.

**Г. Тавсияномаи Павлус барои хизматгузорӣ (3,1-5)**

**3,1** Дар қисми охири ояти 17-уми боби пешина расул дар чор ифодаи гуногун хизматгузории худро тасвир намуд. Вай мефаҳмид, ки барои баъзеҳо, махсусан барои мунаққидони вай, ин суханон чун худситоӣ садо дода метавонанд. Бинобар ин вай боби 3-ро бо савол шуруъ менамояд: *«Оё боз худро тавсия намоем?»,* ё «Наход ки мо боз худро таърифу таҳсин намоем?» Ин *«боз»* он маъноро надорад, ки вай аллакай худро таъриф намуда буд. Аниқтараш, вай дар назар дорад, ки ӯро дар ин *айбдор мекарданд* ва ҳозир вай интизори он аст, ки ин айбномаро бар зидди ӯ аз нав такрор мекунанд.

*Наход ки мо, мисли баъзе касон, ба тавсияномаҳо ба шумо ё ба тавсияномаҳо аз шумо эҳтиёҷ дошта бошем? Баъзе касон,* ки дар бораи онҳо Павлус сухан меронад, муаллимони дурӯғин аз 2,17 мебошанд. Онҳо ба Қуринтус бо тавсияномаҳо, эҳтимол, аз Уршалим омаданд. Шояд, аз Қуринтус рафта, онҳо бо худ аз ҷамоати маҳаллӣ *тавсияномаҳо* гирифта мебурданд. Дар Ҷамоати ибтидоӣ масеҳиёне ки аз як ҷо ба ҷои дигар сафар мекарданд, тавсияномаҳоро истифода мебурданд. Расул дар ин оят асло чунин таҷрибаро беэътибор кардан намехоҳад. Ба ҷои ин вай бо мулоимат тасдиқ менамояд: ягона чизе ки ин муаллимони дурӯғинро мақбул мекунад, номаҳои гирифта мегаштаи онҳост! Онҳо ҳеҷ гуна тавсияи дигар пешниҳод карда наметавонистанд.

**3,2** Муаллимони яҳудият, ки ба Қуринтус омада буданд, масъалаи эътибори расулии Павлусро ба миён мегузоштанд. Онҳо хизматгузори ҳақиқии Масеҳ будани вайро инкор мекарданд. Эҳтимол, онҳо чунин шубҳаҳоро дар байни қуринтиён барои он паҳн мекарданд, то ки бори дигар онҳо аз расул Павлус тавсиянома талаб намоянд. Вай аллакай аз онҳо пурсида буд, оё ба ӯ чунин нома лозим аст? Магар ба Қуринтус вақти бутпараст будани онҳо наомада буд? Магар вай он касе набуд, ки онҳоро назди Масеҳ овард? Магар Худованд ба вай ҷонҳои гаронбаҳоро ато намуда, ба хизматгузории ӯ муҳри Худро нагузоштааст? Ана ҷавоб: худи қуринтиён *номаи* Павлус буданд, ки дар *дили ӯ навишта шудааст,* лекин онро *ҳамаи одамон мешиносанд ва мехонанд.* Дар ин ҳолат зарурате ба номаи бо қалам ва ранг навишташуда набуд. Қуринтиён самари хизматгузории вай мебошанд, онҳо бо муҳаббати вай парварида шудаанд. Ва гап на танҳо дар ин аст; онҳоро ба он маъно *ҳамаи одамон мешиносанд ва мехонанд*, ки имон овардани онҳо дар тамоми маҳал хеле хуб маълум буд. Ҳама медонистанд, ки ин одамон тағйир ёфтаанд, аз бутҳо ба Худо рӯ овардаанд ва акнун дигар хел зиндагӣ мекарданд. Онҳо шаҳодати хизматгузории илоҳии Павлус буданд.

**3,3** Дар назари аввал чунин менамояд, ки ояти 3 ба ояти 2 мухолифат мекунад. Павлус гуфт, ки қуринтиён номаи ӯ мебошанд. Дар ин ҷо вай мегӯяд, ки онҳо *номаи Масеҳанд.* Дар ояти 2 гуфта шудааст, ки нома дар дили вай навишта шудааст; аз қисми охирини ояти 3 аён аст, ки Масеҳ ин номаро дар дили худи қуринтиён навиштааст. Ин мухолифатҳоро чӣ гуна созиш кунонидан мумкин аст? Ҷавоб

чунин аст: дар ояти 2 Павлус тасдиқ менамояд, ки қуринтиён тавсияномаи вай мебошанд. Ояти 3 шарҳу эзоҳро дар бар мегирад. Шояд, агар ин ду оятро ба ин тариқ пайваст намоем, алоқаро ба осонӣ пайдо мекунем: «Шумо номаи мо ... зеро *ба ҳама маълум аст, ки шумо номаи Масеҳ ҳастед»*. Ба ибораи дигар, қуринтиён тавсияномаи Павлус мебошанд, зеро ба ҳама аён буд, ки Худованд дар ҳаёти онҳо амали файзро ба вуҷуд овард. Онҳо аниқ масеҳӣ буданд. Азбаски Павлус воситаи инсонии Худованд буд ва онҳоро ба назди Ӯ овард, онҳо номаи муаррифии вай буданд. Ин маънӣ дар ифодаи *«ба воситаи хизмати мо»* мавҷуд аст. Худованд Исо Шахсест, ки ин корро дар зиндагии онҳо кард, лекин Ӯ онро ба василаи хизматгузории Павлус кард.

Дар он вақте ки тавсияномаҳои мухолифони Павлус *бо сиёҳӣ* навишта шуда буданд, номаи Павлус бо *Рӯҳи Худои зинда* навишта шуда буд ва бинобар ин илоҳӣ буд.

*Сиёҳӣ,* албатта, метавонад рангпарида шавад, маҳв гардад ва аз байн равад, лекин вақте ки *Рӯҳи Худо* дар дили одамон менависад, ин абадист. Баъд Павлус илова мекунад, ки номаи Масеҳ *на бар лавҳаҳои сангин,* балки дар *лавҳаҳои гӯшти* дилҳо навишта шудааст. Мардуме ки ба Қуринтус ташриф меоварданд, номаҳои Масеҳро дар ягон муҷассамаи бузург дар байни майдони бозор кандакоришуда надида буданд, не, нома дар дилҳо ва дар зиндагии масеҳиёни ин шаҳр навишта шуда буд.

Вақте ки Павлус *лавҳаҳои сангин* ва *лавҳаҳои гӯшти* дилро ба ҳам муқобил мегузорад, бешубҳа, вай инчунин дар бораи фарқи байни шариат ва Хушхабар фикр мекунад. Шариат, албатта, дар лавҳаҳои сангин дар кӯҳи Сино навишта шуда буд, лекин Худо ба василаи Хушхабар ба шарофати хабари файз ва муҳаббати дар дилҳои одамон навишташуда итоаткориро ба даст меоварад. Ба зудӣ Павлус ба ин масъала муфассалтар бармегардад, бинобар ин вай дар ин ҷо танҳо дар бораи он ёдовар мешавад.

**3,4** Чунин нутқи эътимодноки Павлусро дар бораи расулӣ ва хизматгузории аз тарафи Худованд ба вай супурдашударо шунида, мо комилан метавонем пурсем: «Павлус, ту дар ин бора бо чунин боварӣ чӣ хел ҷуръат карда гап мезанӣ?» Ҷавоб дар ояти 4 дода мешавад. Ҳимояи расул будани худ чун худситоӣ садо доданаш мумкин аст, лекин дар ин ҷо Павлус инро инкор мекунад. Вай мегӯяд, ки эътимоди вай *дар Худост,* яъне боварии вай ба тафтиши илоҳӣ тоб оварда метавонад. Вай ба худаш ё ба лаёқати шахсиаш ҳеҷ гуна эътимод надорад, лекин *ба воситаи Масеҳ* дар он коре ки Масеҳ дар ҳаёти қуринтиён ба амал овард, вай исботи таъсирбахшии хизматгузории худро меёбад. Тағйироти аҷоиб дар ҳаёти қуринтиён барои расул ҳамчун таҳсину офарин хизмат мекунад.

**3,5** Дар ин ҷо Павлус аз нав рад мекунад, ки ягон хел қобилияте дошта бошад, ки ба вай ҳуқуқ диҳад, то худро расули Исои Масеҳ ҳисобад. Қудрати хизматгузории вай *на аз худи вай* мебарояд, балки аз болост.

Расул аз он хавотир намекашид, ки инро ба худ нисбат диҳад. Агар *Худо* ба вай қобилияти хизматгузориро намедод, пас ҳеҷ кор карда намешуд.

## Ғ. Муқоисаи Аҳдҳои Қадим ва Нав (3,6-18)

**3,6** Павлус масъалаи тавсияномаҳои худ ва қобили хизматгузорӣ будани худро муҳокима намуда, суҳбати муфассалро дар бораи хизматгузорӣ шурӯъ менамояд. Дар оятҳои баъдина вай Аҳди Қадим (шариат) ва *Аҳди Навро* (Хушхабарро) муқоиса мекунад. Барои инро маҳз ҳозир кардан сабаби хубе ҳаст. Онҳое ки ӯро дар Қуринтус ин қадар сахт танқид мекарданд, хостанд яҳудиятро ба масеҳият дохил кунанд. Ин одамон мекӯшиданд шариат ва файзро омехта кунанд. Онҳо масеҳиёнро таълим медоданд, ки агар онҳо ба талаботҳои муайяни шариати Мусо итоат накунанд, аз тарафи Худо қатъиян қабул шуда наметавонанд. Ва бинобар ин расул дар ин ҷо афзалияти Аҳди Навро бар Қадим нишон додан мехоҳад. Вай қайдҳои худро бо суханоне муқаддима мекунад, ки Худо ба вай қобилияти *хизматгузори Аҳди Нав* буданро дод. Албатта, паймон ваъда, созиш ё васият мебошад. Аҳди Қадим системаи қонунҳост, ки Худо ба Мусо дод. Дар он баракат ба итоаткорӣ вобаста буд. Ин паймони корҳо буд, созиши байни Худо ва одам: агар одам ҳиссаи худро иҷро кунад, пас Худо ҳам ҳиссаи Худро иҷро менамояд. Лекин, азбаски ин паймон ба одам вобаста буд,

вай росткориро ба вуҷуд оварда наметавонист. *Аҳди Нав* Хушхабар аст. Дар он Худо аҳдномае мебандад, ки одамро аз рӯи файзи Худ ба василаи наҷот дар Исои Масеҳ олиҳимматона баракат диҳад. Ҳама чиз дар Аҳди Нав на ба одам, балки ба Худо вобаста аст. Бинобар ин Аҳди Нав ба он чизе ноил шуда метавонад, ки Аҳди Қадим ноил шуда наметавонист.

Павлус ба баъзе тазодҳои ҳайратангез байни шариат ва Хушхабар ишорат мекунад. Вай аз ояти 6 сар мекунад, ки дар он мегӯяд: *«...на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ; зеро ки ҳарф мекушад, Рӯҳ бошад зинда мекунад».* Инро аксаран ба он маънӣ маънидод мекунанд, ки агар калимаҳои зоҳирӣ, ҳарф ба ҳарфи Навиштаи Муқаддасро гирифта, бе хоҳиши ба рӯҳияи порча итоаткор будан ба ҳарф итоат карда шавад, пас ин нисбат ба ёрӣ додан бештар зиён меоварад. Фарисиён ба он намунаи хубе мебошанд. Онҳо то ҷузъиёти ночиз дақиқ буданд, лекин ба дигарон раҳм ва муҳаббат зоҳир намекарданд (Мат. 23,23). Ҳарчанд чунин фаҳмишро барои истифодаи ин порча арзишнок ҳисобидан мумкин аст, вай тафсири он намебошад. Дар ояти 6 дар зери *ҳарф* шариати Мусо дар назар дошта шудааст, *рӯҳ* бошад ба Хушхабари файзи Худо нисбат дорад. Вақте Павлус мегӯяд, ки *ҳарф мекушад,* вай дар бораи вазифаи шариат мегӯяд. Шариат ҳамаи онҳоеро, ки нишондодҳои поки онро риоя намекунанд, маҳкум менамояд. «Гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад» (Рум. 3,20). «Малъун аст ҳар касе ки ҳар чизи дар китоби шариат навишташударо доимо ба ҷо намеоварад» (Ғал. 3,10). Худо ҳеҷ гоҳ шариатро барои он муайян накарда буд, ки ҳаёт диҳад. Аниқтараш, вай барои он пешакӣ муайян карда шуда буд, то ки дарки гуноҳро диҳад ва гуноҳро фош кунад. Аҳди Нав дар ин ҷо *рӯҳ* номида мешавад. Вай иҷроиши рӯҳонии намунаҳо ва сояҳои Аҳди Қадимро ифода мекунад. Он чизеро, ки шариат талаб мекард, лекин ба вуҷуд оварда наметавонист, ҳозир Хушхабар ба вуҷуд меоварад.

Ҷ. М. Дэвис ҷамъбаст менамояд:

*Ин хизматгузории «ҳарф»-и кушанда бо се ҳазор куштašудагон дар Сино ҳангоми бастани Аҳди Қадим тасвир карда мешавад; хизматгузории Рӯҳи ҳаётбахш бошад, бо се ҳазор наҷотёфтагон дар рӯзи Пантикост тасвир карда мешавад.*[10]

**3,7** Дар оятҳои 7 ва 8 муқоисаи ду паймон давом мекунад. Аз ҷумла, дар ин ҷо расул *ҷалолеро,* ки ба навишта шудани шариат ҳамроҳӣ мекард, ба ҷалоле ки бо Хушхабар алоқаманд аст, муқоиса мекунад. Калимаҳои *«ҷалол»* ва *«пурҷалол»* дар бобҳои 3 ва 4 ҳабдаҳ бор вомехӯрад. Аҳди Қадим чун *«хизмати марг, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш баста буд»* ифода карда шудааст.

Ин танҳо ба Даҳ фармуда нисбат дошта метавонад. Ин фармонҳо ба ҳар касе ки онҳоро риоя намекард, бо марг таҳдид мекарданд (Хур. 19,13). Павлус намегӯяд, ки ҳеҷ гуна ҷалол ба навиштани шариат ҳамроҳӣ намекард. Албатта, кор тамоман ин хел набуд. Вақте Худо ба Мусо Даҳ фармударо дар кӯҳи Сино медод, ин бо зуҳуроти бузурги ҳузур ва қудрати Худо ҳамроҳӣ мекард (Хур. 19). Зиёда аз он, вақте Мусо дар он ҷо меистод ва бо Худо гап мезад, рӯи вай, бузургии Худоро инъикос намуда, дурахшид. Бинобар ин *банӣ Исроил наметавонистанд ба рӯи Мусо нигоҳ кунанд, ба сабаби ҷалоли рӯи ӯ.* Вай аз ҳад зиёд чашмони онҳоро мебурд, онҳо ӯро доимо дида наметавонистанд. Лекин баъд Павлус сухани муҳимро илова мекунад: *ки гузарон буд.* Ин онро ифода мекунад, ки дурахши равшани аз рӯи Мусо мебаромада доимӣ набуд. Ин ҷалол муваққатӣ, фонӣ буд. Аҳамияти рӯҳонии ин дар он аст, ки *ҷалоли* Аҳди Қадим муваққатӣ буд. Шариат вазифаҳои маҳдудро иҷро мекард. Вай барои он дода шуда буд, то гуноҳ ошкор карда шавад. Вай талаботҳои муқаддаси илоҳиро нишон медод ва ба ин маънӣ пурҷалол буд. Лекин вай то Масеҳ дода шуда буд, ки шариатро барои росткории онҳое, ки имон овардаанд, иҷро кард (Рум. 10,4). Шариат *соя* буд, Масеҳ *моҳият* аст. Шариат тимсоли омадани чизҳои беҳтар буд, ва ҳамаи ин чизҳо дар Наҷотдиҳандаи ҷаҳон воқеият гаштанд.

**3,8** Акнун, агар шариат ин қадар пурҷалол буд, пас *хизмати Рӯҳ* то чӣ андоза *ҷалоли зиёдтаре* бояд дошта бошад? Ифодаи *«хизмати Рӯҳ»* ба Хушхабар дахл дорад. Рӯҳи Худо ба василаи мавъизаи Хушхабар амал мекунад ва дар навбати худ, ба онҳое дода мешавад, ки Хушхабари наҷотро қабул менамояд. *«Пас, оё ... надорад»* на он чизро, ки дар замони ҳозира нест, балки натиҷаи ногузирро ифода мекунад. Агар як факт ё шарт мавҷуд бошад, пас ҳатман дигаре бояд ояд.

**3,9** Дар ин ҷо Аҳди Қадим *хизмати маҳкумкунӣ* номида шудааст. Натиҷаи он чунин буд. Вай ба ҳама одамон *маҳкумият* меовард, зеро ки ҳеҷ кас шариатро аниқ ба ҷо оварда наметавонист. Аммо ба ҳар ҳол ба вай *ҷалоли* муайян ҳамроҳӣ мекард. Вай мақсади ҳақиқӣ дошт ва барои замони худ муфид буд. Лекин *хизмати сафедкунӣ хеле зиёдтар ҷалол дорад. Ҳоҷ* мегӯяд: «Хизмати сафедкунӣ хизмати ошкоркунандаи росткорӣ аст, ки бо он мардум сафед карда мешаванд ва ба ҳамин тариқ аз маҳкумкуние ки шариат онҳоро ба он маҳкум кард, озод карда мешаванд».[11] Ҷалоли Хушхабар ҷисман ноаён аст; вай дар худ имтиёзҳои ақлнорас ва ҷовидонии бо рӯҳ дидашавандаро дар бар мегирад. Ҷалоли Ҷолҷолто аз ҷалоли Сино хеле бузургтар аст.

**3,10** Ҳарчанд ба кадом як маъное шариат *соҳиби ҷалол шудааст,* ба ҳар ҳол, агар он бо Аҳди Нав муқоиса карда шавад, вай умуман *ҷалоле надорад.* Муқоисаи дар ин оят ифодаёфта нишон медиҳад, ки агар ду аҳд паҳлуи ҳамдигар гузошта шавад, яке дигареро пурра мепӯшонад, яъне Аҳди Нав аз Аҳди Қадим афзалият дорад. А. Т. Робертсон мегӯяд: *«Ҷалоли бузург ҷалоли хурдро мепӯшонад. Ба ҳар ҳол дар кадом як лаҳза аз сабаби фаровонии ҷалоли фарогирандаи Аҳди Нав чунин менамояд, ки Аҳди Қадим умуман аз ҳар гуна ҷалол маҳрум аст».*[12] Деннӣ шарҳ медиҳад: *«Вақте ки офтоб дар қувваи худ медурахшад, дар осмон ҷалоли дигар нест».*[13]

**3,11** *Зеро, агар чизи гузарон ҷалол дошта бошад* (айнан «бо ҷалол»), *пас чизи бобақо хеле зиёдтар дар ҷалол аст* (айнан «боҷалол дар ҷалол»). Мо бояд ба ин ду пешоянд диққат диҳем: *бо* ва *дар.* Маънои асосӣ ин ҷо дар он аст, ки ҷалол ба навиштани шариат ҳамроҳӣ мекард, лекин он қисми ҷудоинопазири Аҳди Нав мебошад. Хотимаи Аҳди Қадимро ҷалол ҳамроҳӣ мекард, лекин Хушхабари файзи Худо худ аз худ *ҷалол дорад.*

Дар ин оят хислати гузарон, муваққатии шариат ба тағйирнопазирии Хушхабар муқобил гузошта мешавад. *Гузарон* танҳо Даҳ фармударо ифода карда метавонад «хизмати марг, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш баста буд». Ба ҳамин тариқ, ин оят изҳороти «адвентистҳои Рӯзи Ҳафтум»-ро рад мекунад, ки мегӯянд, ки танҳо шариати зоҳирӣ, маросимӣ бекор карда шудааст, лекин на Даҳ фармуда.

**3,12** *Умед,* ки ин ҷо Павлус дар бораи он сухан меронад, боварии мустаҳкам ба он аст, ки ҷалоли Хушхабар ҳеҷ гоҳ хира намешавад ва аз даст намеравад. Ба туфайли ин боварии қавӣ вай *бо камоли ҷасорат* сухан меронад. Ба ӯ лозим нест чизеро пинҳон дорад. Эҳтиёҷе ба истифодаи парда нест. Имрӯзҳо дар аксари динҳои ҷаҳон сирҳои сохта мавҷуданд. Навмазҳабон бояд аз бахшида шудан ба ин асрори чуқур гузаранд. Онҳо аз як зина ба зинаи дигар гузаронида мешаванд. Лекин бо Хушхабар ин тавр нест. Ҳама чиз аниқ ва кушоду равшан аст. Хушхабар дар бораи чунин масъалаҳо, чун наҷот,Ваҳдати Сегона, биҳишт ва дӯзах одӣ ва бо боварии комил сухан меронад.

**3,13** *Ва на монанди Мусо, ки ба рӯи худ парда мепӯшид, то ки банӣ-Исроил ба анҷоми чизи фонӣ назар наандозад.* Таърихи асосии ояти 13-ро дар Хуруҷ 34,29-35 дарёфт кардан мумкин аст. Аз он ҷо мо медонем, ки Мусо баъд аз он ки дар ҳузури Парвардигор буд, аз кӯҳи Сино фаромада, намедонист, ки рӯяш медурахшад. Банӣ Исроил аз сабаби ҷалоли рӯи вай метарсиданд ба вай наздик шаванд. Лекин вай онҳоро ба назди худ даъват намуд ва онҳо наздиктар омаданд. Он гоҳ вай ҳамаи фармонҳоеро, ки Парвардигор ба ӯ гуфт, ба онҳо расонид. Дар Хуруҷ 34,33 мо мехонем: «Ва ҳамин ки Мусо ба онҳо сухан ронданро ба анҷом расонид, бар рӯи худ парда пӯшонид». Дар 2Қуринтиён 3,13 расул мефаҳмонад, ки Мусо инро барои чӣ кард. Вай инро барои он кард, *то банӣ Исроил ба анҷоми чизи гузарон назар наандозанд.* Ҷалол дар рӯи вай ҷалоли нестшаванда буд. Ба ибораи дигар, шариати аз тарафи Худо додашуда дорои ҷалоли фонӣ буд. Ҷалол аллакай ҳамон вақт нест мешуд, ва Мусо намехост, ки онҳо *анҷоми* онро бинанд. Мусо на худи ҷалолро пинҳон кардан мехост, балки *нестшавии* онро. Ф. В. Грант хеле зебо гуфтааст: «Ҷалол Дар рӯи Мусо бояд ба ҷалол дар рӯи дигар Шахсият роҳ диҳад».[14] Ва ин бо зуҳури Худованд Исои Масеҳ ба вуқӯъ омад. Ин ба он оварда расонид, ки хизматгузори Аҳди Нав акнун набояд рӯи худро пинҳон кунад. Ҷалоли Хушхабар ҳеҷ гоҳ тира намешавад ва нест намешавад.

**3,14** *Аммо зеҳни онҳо кунд шудааст.* Банӣ Исроил маънои ҳақиқии рафтори Мусоро намефаҳмиданд. Ва дар давоми асрҳои зиёд бо яҳудиён низ ҳамин хел буд. Ҳатто дар он

замоне ки Павлус менавишт, онҳо ба шариат чун воситаи наҷот маҳкам мечаспиданд ва Худованд Исои Масеҳро қабул намекарданд.

*Зеро ки то имрӯз ҳангоми хондани Аҳди Қадим ҳамон парда боқӣ мондааст ва бардошта нашудааст.* Ба ибораи дигар, дар он замоне ки расул менавишт, яҳудиён, Аҳди Қадимро хонда, он сирро, ки Мусо онро аз падаркалонҳои онҳо дар зери *парда* пинҳон дошта буд, намекушоданд. Онҳо намефаҳмиданд, ки ҷалоли шариат ҷалоли фонӣ буд ва шариат иҷроиши худро дар Худованд Исои Масеҳ ёфтааст.

Парда *дар Масеҳ ботил мешавад.* Аз матни аслии юнонӣ маълум намешавад, ки оё калимаи «он» ба парда ё ба Аҳди Қадим ишорат мекунад. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки *на* парда, балки *Аҳди Қадим* аз тарафи Масеҳ бартараф карда мешавад. Маънидоди боз ҳам имконпазиртар: Вақте ки одам назди Масеҳ меояд, душвориҳо дар фаҳмиши Аҳди Қадим барҳам мехӯранд. Дар ин бора Ҳоҷ хеле хуб гуфтааст:

*Навиштаҳои Аҳди Қадим фақат ҳамон вақт фаҳмо мебошанд, ки онҳо чун пешгӯӣ ва пешакӣ фаҳмидани Масеҳ қабул карда шаванд. Шинохтани Масеҳ ... пардаро аз Аҳди Қадим мебардорад.*[15]

**3,15** Дар ин ҷо тимсол каме тағйир меёбад. Дар Аҳди Қадим парда бар рӯи Мусо буд, ҳозир бошад *парда дар* дили халқи яҳудӣ *гузошта шудааст.* Онҳо то алҳол мекӯшанд бо амалҳо росткорӣ ба даст оваранд, ва намефаҳманд, ки ин аллакай аз тарафи Наҷотдиҳанда дар салиби Ҷолҷолто карда шудааст. Онҳо мекӯшанд бо хизмати шоистаи худ наҷот ба даст оваранд ва намефаҳманд, ки шариат бар онҳо ҳукми охиринро эълон мекунад ва онҳо бояд ба оғӯши Худованд даванд, то ки марҳамат ва файз ёбанд.

**3,16** Калимаҳои *«рӯ меоваранд»* ҳам ба яҳудии алоҳида ва ҳам ба тамоми Исроил чун халқ тааллуқ дошта метавонанд. Вақте ки ҳар яки онҳо ҷудогона ё тамоми халқ *ба Худованд рӯ меоваранд* ва Исоро чун Масеҳ қабул менамоянд, он гоҳ *парда бардошта мешавад* ва торикии нофаҳмӣ меравад. Он гоҳ онҳоро ҳақиқат мунаввар мекунад: Тамоми тимсолҳо ва сояҳои шариат дар Писари дӯстдоштаи Худо, Масеҳи Исроил иҷро мешаванд. Агар тамоми *халқи* Исроил дар назар дошта шуда бошад, пас оят ба рӯзи оянда ишорат менамояд, вақте ки боқимондаи имондор, мувофиқи пешгӯии Румиён 11,25.26. 32 *ба Худованд* рӯ меоварад.

**3,17** Павлус таъкид мекард, ки Масеҳ калид ба Аҳди Қадим мебошад. Дар ин ҷо вай аз нав ин ҳақиқатро таъкид намуда, чунин мегӯяд: *«Худованд Рӯҳ аст».* Дар аксари тарҷумаҳо калимаи *«Рӯҳ»* бо ҳарфи калон навишта шудааст, ки чун Рӯҳулқудс тафсир карда мешавад. Лекин аз матн бармеояд, ки Худованд рӯҳи Аҳди Қадим аст ҳамон тавре ки «шаҳодати Исо рӯҳи пайғамбарӣ мебошад» (Ваҳй 19,10). Ҳамаи тимсолҳо ва сояҳои Аҳди Қадим дар) Масеҳ иҷро мешаванд. *Ва ҳар куҷо Рӯҳи*[16] *Худованд аст, он ҷо озодист.* Ин онро ифода мекунад, ки вақте Исои Масеҳро Худованд ё Худо эътироф мекунанд, *он ҷо озодист,* яъне озодӣ аз ғуломӣ дар шариат, озодӣ аз ноаниқӣ дар вақти хондани Навиштаи Муқаддас ва озодии ба рӯи Ӯ бе парда нигоҳ кардан аст.

**3,18** Дар Аҳди Қадим ба як худи Мусо иҷозат дода шуд, то ҷалоли Худовандро бубинад. Дар Аҳди Нав *ҳамаи мо* шарафи нигоҳ кардан *ба ҷалоли Худованд* дорем. Ба Мусо лозим омад рӯй пӯшонад, баъд аз он ки вай бо мардум гап зад, вале мо метавонем *бо рӯи кушода* монем. Мо, ба гуноҳ иқрор шуда ва онро тарк карда, бо Худованд ва бо худ комилан бовиҷдон буда, метавонем рӯйро *кушода* монем. Одаме ки дуру дароз дар Ҳиндустон миссионер шуда кор кардааст, боре гуфт, ки мо бояд «ҳамаи он чизҳоеро партоем, ки мекӯшем гуноҳро бо он пӯшонем, тамоми пардапӯшиҳо, тамоми кӯшишҳои дар паси намои зебо пинҳон шудан, тамоми майлҳо ба созиш, тамоми тадбирҳои нимкора, тамоми «оре ва не»-ҳоро».

Қадами оянда *монанди он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигаристан* аст. *Оина* Каломи Худост. Ба Навиштаи Муқаддас рӯ оварда, мо Худованд Исоро дар тамоми ҷалоли Ӯ мебинем. Мо ҳоло Ӯро рӯ ба рӯ намебинем, лекин дар Калом инъикосшуда мебинем.

Диққат диҳед, ки мо маҳз *ба ҷалоли Худованд* менигарем. Дар ин ҷо Павлус на ба зебоии ахлоқии Исо чун Одам дар замин аҳамияти махсус медиҳад, балки, аниқтараш, ба ҷалоли ҳозираи Ӯ, вақте ки Ӯ боло бардошта шудааст ва дар ямини Худо нишастааст. Ҷалоли Масеҳ, чунон ки Деннӣ мегӯяд, дар он аст:

*Ӯ дар тахти Падар шарик аст, чунки Ӯ Сардори Ҷамоат аст, Ӯ соҳиб ва атокунандаи тамоми пуррагии файзи илоҳист, Ӯ Довариояндаи ҷаҳон, Фотеҳи ҳар гуна қувваи душманона, Ҳомии ба Ӯ тааллуқдоштагон ва, хулласи калом, соҳиби тамоми бузургиест, ки ба Подшоҳии Ӯ хос мебошад.*[17]

Вақте ки мо бо ҷалоли Худованд Исои Масеҳи аз мурдагон бархоста, ба осмон рафта, болобардоршуда ба куллӣ фаро гирифта шудаем, *мо ба* худи *ҳамон сурат ... табдил меёбем.* Дар ин ҷо дар як сухан сирри покшавии масеҳӣ хулоса карда шудааст: бо Масеҳ фарогирифта будан. На бо худ – ин фақат шикаст меоварад; ва на бо дигарон – ин ноумедӣ меоварад. Лекин вақте ки моро *ҷалоли Худованд* фаро мегирад, мо беш аз пеш ба Ӯ монанд мегардем.

Ин раванди аҷоиби дигаргуншавӣ *аз ҷалол ба ҷалол* ба вуқӯъ меояд, яъне аз як дараҷаи ҷалол ба дигараш. Ин тағйироти ногаҳонӣ нест. Дар ҳаёти масеҳӣ чунин ҳодисае нест, ки симои Ӯро дар як лаҳза ба вуҷуд оварад. Ин раванд мебошад, на нуқтаи тағйироти куллӣ. Бар хилофи ҷалоли нестшавандаи шариат, ин ҷалол ҷовидона меафзояд.

Қуввае ки ин раванди аҷоибро ба ҳаракат меоварад, Рӯҳулқудси Худост: *ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст.* Вақте ки мо ба Худованди ҷалол назар меандозем, Ӯро меомӯзем, Ӯро бо парастиш пеши назар меоварем, *Рӯҳ, Худованд* дар ҳаёти мо муъҷизаи ҳайратангез меофарад: монандии мо бо Масеҳ меафзояд.

Дарбӣ зикр менамояд, ки чӣ тавр, ба Худованд нигоҳ карда, Истефанус тағйир ёфт:

*Мо инро дар Истефанус мебинем, вақте ки ӯро сангсор мекарданд: Вай нигоҳашро ба боло равона мекунад ва ҷалоли Худо ва Исоро мебинад. Масеҳ гуфт: «Падар, бубахш онҳоро, зеро намедонанд, чӣ кор мекунанд» Ва намуди Исо дар ҷалоли Худо дар Истефанус дуоро ба вуҷуд овард: «Худовандо! Ин гуноҳро ба ҳисоби онҳо дохил накун». Ҳамчунин, дар салиб Масеҳ гуфт: «Падар, рӯҳи худро ба дасти Ту месупорам»; ва Истефанус мегӯяд: «Эй Исои Худованд! Рӯҳи маро қабул кун». Ӯ ба сурати Масеҳ тағйир ёфт.*[18]

Баъдан, ба бартарии ҷалоли Аҳди Нав таваҷҷӯҳ намоед. Дар Аҳди Қадим ҷалол *танҳо* дар рӯи як одам медурахшид, имрӯз бошад ин шарафи бо хун харидашуда ба ҳамаи фарзандони Худо таaллуқ дорад. Ғайр аз ин, ҷалоли Худо на фақат дар рӯи мо инъикос меёбад не, дар Аҳди Нав *ҳамаи мо* дар ҳақиқат *табдил меёбем* (таҳтуллафзан: метаморфоза мешавем) *ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол, ... аз Худованд ... аз Рӯҳ.* Рӯйҳои мо аз дарун бо ҷалол медурахшанд, дар ҳоле ки рӯи Мусо танҳо ҷалолро инъикос мекард.

Ба ҳамин тариқ, Павлус маънидоди амиқ рӯҳонии Аҳди Навро дар муқоисаи он бо Аҳди Қадим ба охир мерасонад.

### Д. Уҳдадории ошкоро мавъиза намудани Хушхабар (4,1-6)

**4,1** Дар шаш ояти аввалини боби 4 Павлус таъкид мекунад, ки ба зиммаи ҳар кадом хизматгузори Масеҳ ҷавобгарии ҷиддии ошкоро баён намудани хабари Хушхабар гузошта шудааст. Ҳеҷ гуна парда набояд бошад. Ҳеҷ чизи ниҳонӣ ё муаммодор. Ҳама чиз равшан, аз рӯи виҷдон ва самимӣ бояд бошад.

Павлус дар бораи он сухан меронд, ки Худо ба таври ҳайратангез қобилияти хизматгузори Аҳди Нав шуданро ба ӯ ато намуд. Вай ҳозир аз ин нуқтаи асосӣ вусъат додани фикрро давом медиҳад. Дарки бузургтарин афзалияти *хизмати* масеҳӣ имкон намедиҳад, ки Павлус ба *ноумедӣ* дода шавад. Албатта, дар хизматгузории масеҳӣ бисёр чизҳое вомехӯранд, ки рӯҳафтода мекунанд, ва аз он ҳавсала пир мешавад, лекин дар ҳар гуна эҳтиёҷ Худованд бо меҳрубонӣ ва файзи Худ мадад мекунад. Ва бо вуҷуди ҳар чизе ки рӯҳафтодагиро ба вуҷуд меоварад, дилгармкунӣ ва дастгирии Ӯ ҳамеша зиёдтар аст.

Павлус *ноумед намешуд*. Дар роҳи худ ба монеаҳои шикастнопазир менамуда вохӯрда, вай на буздилона, балки мардона рафтор мекард.

**4,2** Филлипс ояти 2-ро бо фасоҳат андаке дигар карда баён мекунад:

*Мо ба ҳеҷ гуна найрангбозӣ, ҳеҷ гуна маккорӣ рӯ намеоварем, ҳеҷ гуна қаллобии бевиҷдононаро бо Каломи Худо истифода намебарем. Мо ҳақиқати одиро баён менамоем ва ба ҳамин тариқ худро ба виҷдони ҳар кадом одам дар назди Худо вогузор мекунем.*

Бешубҳа, расул дар ин ҷо аз нав дар бораи муаллимони дурӯғини ба ҷамоати Қуринтус

омада фикр мекунад. Усулҳои онҳо айнан ҳамон усулҳое буданд, ки қувваҳои бадӣ ҳамеша аз онҳо истифода мебаранд ва маҳз: васвасаҳои шармоваре ки боиси гуноҳ мешаванд, таҳрифи моҳиронаи ҳақиқат, далелҳои печ дар печ ва сохтакории Каломи Худо. Ифодаи охирин *«Каломи Худоро таҳриф намекунем»,* бе гуфтугӯ, ба шуғли дӯстдоштаи ин одамон ба кӯшиши омехта кардани шариат ва файз нисбат дорад.

Усули расул тамоман дигар буд. Он дар суханони зерин инъикос ёфтааст: *«... ростиро ошкор карда, худро ба виҷдони ҳар кас ба пеши рӯи Худо вогузор менамоем». Ростиро* бо ду восита *ошкор намудан* мумкин аст. Мо ростиро, ҳангоме ки онро одӣ ва фаҳмо баён менамоем, ошкор менамоем. Лекин мо онро ҳамон вақт ҳам ошкор менамоем, ки бо он умр ба сар мебарем, вақте ки дигарон онро дар ҳаёти мо ва дар намунаи мо мебинанд. Павлус аз ҳар ду тарз истифода мебурд. Вай Хушхабарро мавъиза мекард ва ба Хушхабар дар ҳаёти шахсиаш фармонбардор буд. Ин корро карда, вай мекӯшид худро *ба виҷдони ҳар кас ба ҳузури Худо* вогузор намояд.

**4,3** Расул дар ин ҷо оид ба бодиққатии бузургтарин сухан меронад, ки бо он вай мекӯшид ҳақиқати Худоро ҳам дар мавъиза ва ҳам дар таҷриба ба одамон дастрас намояд. Агар *Инҷили мо пӯшида бошад,* агар Хушхабар аз ягон кас пинҳон карда шуда бошад, пас ин айби Худо нест, ва Павлус ҳам дар ин айбдор будан намехоҳад. Ва ба ҳар ҳол, вақте ки вай ин суханонро менависад, мефаҳмад, ки чунин одамоне ҳастанд, ки Хушхабарро қабул карда наметавонанд. Онҳо кистанд? Инҳо *нобудшавандагон мебошанд.* Чаро онҳо чунин нобино шудаанд? Ҷавоб дар ояти оянда дода мешавад.

**4,4** Шайтон айбдор аст. Вай дар ин ҷо *худои ин дунё* номида шудааст. Вай ба ақлҳои беимонон бо муваффақият парда мепӯшонад. Вай мекӯшад онҳоро дар торикии доимӣ нигоҳ дорад, *то ки барои онҳо нури Инҷили ҷалоли Масеҳ* баҳри наҷоти онҳо *надурахшад.*

Дар дунёи ҷисмонии мо офтоб ҳамеша метобад. Мо онро на ҳамеша мебинем, лекин сабаб дар он аст, ки байни офтоб ва мо чизе меистад. Бо Хушхабар ҳам айнан ҳамин тавр аст. *Нури Инҷил* ҳамеша медурахшад. Худо дар дилҳои одамон ҳамеша ба дурахшидан мекӯшад. Лекин шайтон байни беимонон ва Худо монеаҳои гуногун месозад. Ин абри ғурур, мухолифат, боварӣ ба росткории шахсӣ ё садҳо мамониатҳои дигар буда метавонад. Лекин ҳамаи ин ба дурахшидани бомуваффақияти *нури Инҷил* халал мерасонад. Шайтон намехоҳад, ки одамон наҷот ёбанд.

*Инҷил бо Масеҳ* дар *ҷалол* алоқаманд аст. Ба чашми масеҳӣ на дуредгар аз Носира, на Масеҳи дар салиби бадномӣ мехкӯбшуда, балки Худованд Исои Масеҳ нишон дода шудааст, Оне ки мурд, дафн карда шуд, зинда шуд ва алҳол дар осмон дар тарафи дасти рости Худо нишастааст. Наҷотёфтагон ба Ӯ имон доранд – ба Писари ҷалолёфтаи Худо дар осмон.

**4,5** Дар ин оят барои мавъизагар мавзуи ҳам беҳтарин ва ҳам бадтаринро ёфтан мумкин аст. Мавзуи бадтарин *худро* мавъиза намудан, ҳол он ки мавзуи беҳтарин – мавъиза намудани *Исои Масеҳ, Худованд* аст.

Аз афти кор, муаллимони яҳудият ба мавъиза кардани худ одат доштанд. Павлус аз чунин шахсон ҷудо буд. Вай вақти дигаронро бо мавъиза намудани чунин мавзуи нолоиқ сарф намекард. Мавзуи вай *Исои Масеҳ, Худованд* аст. Вай мекӯшид дар одамон хоҳишеро бедор намояд, ки дар назди Исои Масеҳ зону зананд ва ба Ӯ чун Худованди ҳаёти худ савганд ёд кунанд.

Расул ҳамкорони худро чун *ғуломони шумо ба хотири Исо* нишон медиҳад. Ин корро карда, вай ҳам худаш, ҳам ҳамсафони худро бо муваффақият ба madди охирин мегузорад. Онҳо танҳо ғуломоне мебошанд, ки тайёранд ба ҳама коре ки одамонро ба Худованд Исо меоварад, ёрӣ диҳанд.

**4,6** Павлус дар ин ҷо руҷуи гуноҳкорро бо пайдо шудани нур дар субҳи офариниш муқоиса мекунад.

Дар ибтидо *Худо гуфт, ки аз торикӣ нур дурахшад.* «Ва Худо гуфт: рӯшноӣ шавад. Ва рӯшноӣ шуд» (Ҳас. 1,3).

Баъдтар Павлус мегӯяд, ки худи Ҳамон *Худо,* ки Ӯ дар ибтидо *аз торикӣ дурахшидани нурро* фармуд, *дилҳои моро пурнур сохт.* Ин тасвири зебоест. Дар вақти офаридани ҷаҳон Худо ба нур дурахшиданро фармон дод. Лекин дар офариниши нав Худи *Худо дилҳои моро* мунаввар месозад. То чӣ андоза ин шахситар аст!

Ҳодисаҳои оятҳои ибтидоии Ҳастӣ 1 манзараи он чизест, ки дар офариниши нав ба

вуқуъ меояд. Худо одамро дар ибтидо бегуноҳ офарид. Лекин ба ҷаҳон гуноҳ ворид шуд ва ҳамроҳи он – торикии зич.

Вақте ки мавъизаи Хушхабар садо медиҳад, Рӯҳи Худо дар болои дили одам парвоз мекунад, ба ҳамон тарзе ки Ӯ дар болои об дар ибтидои офариниш парвоз мекард.

Баъд Худо дили ин одамро мунаввар месозад, ба вай нишон медиҳад, ки вай гуноҳкор аст ва ба Наҷотдиҳанда муҳтоҷ аст. «Офариниши моддӣ дар китоби Ҳастӣ аз нур сар шуд ва офариниши рӯҳонӣ низ аз ҳамон чиз сар мешавад. Худо бо Рӯҳулқудс *дилҳои моро пурнур месозад* ва он гоҳ ҳаёти рӯҳонӣ сар мешавад».

Баъд ба мо мефаҳмонанд, ки чаро *Худо дилҳои моро турнур сохт.* Дар оят гуфта мешавад: *«... то бо дониши ҷалоли Худо дар шахси Исои Масеҳ моро пурнур созад».* Ин чунон садо медиҳад, ки мақсади Ӯ танҳо аз он иборат бошад, ки *ба мо нури дониши ҷалоли Худоро диҳад.* Лекин Ҷ. Н. Дарбӣ тағйироти зерини ин оятро пешниҳод менамояд: «... то ки ба воситаи мо нури дониши ҷалоли Худо дар шахси Исои Масеҳ дурахшад». Ба ибораи дигар, Худо дар дилҳои мо на фақат барои он мунаввар мегардад, ки *моро* бо ин *дониш пурнур созад,* балки барои он ҳам, ки ба воситаи мо ин дониш ба дигарон дурахшида тавонад. «Мо нуқтаи охирини неъматҳо ва дарсҳои гирифтаамон нестем, балки роҳи ба дигарон расондани онҳоем».

Дар Навиштаи Муқаддас тасвири хуби ин ақидаро дарёфт намудан мумкин аст – зиндагонии худи Павлус. Худо дар роҳ ба Димишқ дили ӯро мунаввар сохт. Ӯ фаҳмид, ки Он Касе ки вай бад медид, Шахсе ки аз рӯи ақидаи вай, дар тобути яҳудӣ мехобид, Худованди ҷалол аст. Вай аз ҳамон рӯз сар карда ба паҳн намудани *дониши ҷалоли Худо* сар кард – ҳамон тавре ки он *дар шахси Исои Масеҳ* ёфт мешавад.

### Е. Зарфи гилин бо тақдири осмонӣ (4,7-18)

**4,7** Расул Павлус дар бораи уҳдадории ошкоро мавъиза намудани хабар сухан ронда, дар бораи одаме андеша мекунад, ки ганҷи аҷоиби Хушхабар ба вай супорида шудааст. *Ганҷ* хабари боҷалоли Хушхабар мебошад. Аз тарафи дигар, *зарфи хокӣ* бадани нозуки одам мебошад. Дар байни онҳо тазод бузург аст. Хушхабар ба гавҳари қиматбаҳо монанд аст, ки ба ҳар тарзе онро тоб диҳанд, вай равшан медурахшад. Боиси тааҷҷуб аст, ки чунин бриллианти қиматбаҳо ба зарфи нозук, номустаҳкам, аз хок сохташуда дода шудааст!

*Зарфҳои гилини ноҳамвор, назарногир*
*пур аз сарвати нуҳуфта мебошанд.*
*Ганҷи дурахшандаву равшани осмон –*
*Масеҳи дар муқаддасони заминӣ ошкоршуда.*
*Зарфҳои номустаҳкам, нозук – аммо*
*бардошта мебаранд аз байни асрҳои муҳтоҷӣ*
*Ганҷи бо дасти олиҳимматона додашударо, атои бузурги Худо Писари дӯстдоштаи Худро.*
*Кошки холитар, пасттар ва номаълумтар бошам,*
*Пуршуда бо Масеҳ ва танҳо бо як худи Ӯ!*
*Бигзор ҳеҷ як чизи заминӣ ҷалолро рупӯш накунад,*
*Бигзор ҳеҷ як қатраи худ нурро пинҳон накунад;*
*Хабари аҷоиби Масеҳро расонам шикаста, холӣ лекин пур аз Ӯ!*

Тр. Фрэнсис Бэвен

Худо чаро муқаррар намуд, ки ин *ганҷ дар зарфҳои гилин* бошад? *То маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо.* Худо мехоҳад, ки одам на бо худ, балки бо қудрат ва бузургии Худо машғул бошад. Ва бинобар ин Ӯ дидаву дониста хабари Инҷилро ба заифон, аксар одамони назарногир бовар карда месупорад. Тамоми ҳамду сано ва ҷалол на ба офарида, балки ба Офаридгор бояд таалluқ дошта бошад.

*Фаҳмидан чӣ хуш аст,*
*ки вазнин аст коре ки кардани он дар пеш аст.*
*Бинобар ин ҳамд барои ҳар он чи карда шудааст, на ба мо, балки танҳо ба Ӯ таалluқ дорад.*

Ҳютон

Ҷоветт мегӯяд:

*Вақте зарф ҷалолро аз ганҷ кашида мегирад, вақте ҷаъба нисбат ба санги қиматбаҳои дар он хобида диққатро бештар ҷалб менамояд, ин ғайритабиист. Нодуруст аст, вақте чорчӯба суратро ба ҷои дуюм тела медиҳад ва*

*зарф барои базм хӯрокро иваз менамояд. Дар хизмати масеҳӣ як чизи даҳшатнок ҳаст, вақте «бартарии қувват» аз мо аст, на аз Худо. Чунин бартарият хеле зудгузар аст, вай ба монанди растании сабз ҳамон хел зуд пажмурда мешавад ва ба фаромӯшӣ дода мешавад.*[19]

Вақте Павлус ояти 7-ро менавишт, вай яқинан дар бораи ҳодиса аз Доварон 7 фикр мекард. Дар он ҷо навишта шудааст, ки Ҷидъун лашкари худро бо карнайҳо ва кӯзаҳои холӣ, ки дар дохил чароғ доштанд, мусаллаҳ намуд. Одамони вай аз рӯи ишорати шартӣ карнай навохта, шикастани кӯзаҳоро сар карданд. Вақте кӯзаҳо шикаста шуданд, чароғҳо равшан дурахшиданд. Ин душманонро ба ҳарос овард. Онҳо фикр карданд, ки онҳоро лашкари зиёд иҳота кардааст, на сесад кас. Дарси ибрат дар он аст, ки айнан чун дар мавриди Ҷидъун, нур танҳо ҳамон вақт медурахшад, ки кӯзаҳо шикастаанд, аз ҳамин сабаб ин бо Хушхабар мувофиқат мекунад. Танҳо ҳамон вақте ки асбобҳои одамӣ шикаста ва ба Худованд супурда шудаанд, Хушхабар ба василаи мо бо тамоми бузургии худ дурахшида метавонад.

**4,8** Расул алҳол мефаҳмонад, ки азбаски ганҷ ба зарфҳои гилин бовар карда супурда шуда буд, пас, аз як тараф, мағлубияти зоҳирӣ ҳаст, аз тарафи дигар бошад ғалабаи доимӣ. Тамоми аломатҳои зоҳирӣ дар хусуси заифӣ гувоҳӣ медиҳанд, дар асл бошад қувваи бемонанд ҳузур дорад. Вақте вай мегӯяд: *«Мо аз ҳар ҷиҳат ба фишор дучор мешавем, вале дар тангӣ нестем»,* ӯ дар назар дорад, ки ба вай доимо душманон ва душвориҳо фишор меоваранд, лекин онҳо ба баёни озоди Хушхабар пурра мамониат карда наметавонанд.

*Ҳайронем, вале рӯҳафтода намешавем.* Аз нуқтаи назари одамӣ Павлус аксаран намедонист, ки мушкилоти ӯро умуман ба ягон тарз ҳал кардан мумкин аст. Аммо Худованд ҳеҷ гоҳ имкон намедод, ки ӯ ба ноумедӣ афтад. Вай ҳеҷ гоҳ ба чунин ҷои танг намеафтид, ки аз он роҳи баромад нест.

**4,9** *Гирифтори таъқиботем, вале партофта нашудаем.* Баъзан вай ҳузури душманро чунон наздик эҳсос мекард, ки нафаси гарми вай гарданро месӯзонд, лекин Худованд ҳеҷ гоҳ ӯро тарк намекард, ба душманон намедод. *Сарнагун гардидаем, вале нобуд нашудаем* онро ифода мекунад, ки Павлус хеле зуд-зуд «дар муҳорибаҳо захмдор»-и ҷиддӣ мешуд, лекин Худованд ӯро аз нав мебардошт, то ки вай хабари пурҷалоли Хушхабарро расонида пеш равад.

«Шарҳи нав ба Библия»-и англисӣ оятҳои 8 ва 9-ро чунин тағйир дода баён мекунад: «Душманон моро иҳота кардаанд, лекин мо маъюб нашудаем; чӣ кор карданро намедонем, лекин аз ҳар гуна умед маҳрум нестем; аз тарафи одамон ронда шудаем, лекин Худо моро тарк накардааст; аксар аз по зада ғалтонда шудаем, лекин кушта нашудаем».

Имкон дорад, ки мо нафаҳмем, чаро Худованд ба хизматгузори Худ иҷозат дод, ки аз чунин озмоишҳо гузарад. Ба мо чунин менамояд, ки агар Ӯ ба вай иҷозат медод, то бо роҳи аз мусибатҳо озод равад, вай ба Худованд бомуваффақияттар хизмат мекард. Лекин Навиштаи Муқаддас ин ҷо чизи мухолифро таълим медиҳад. Худо дар хирадмандии ҳайратангези Худ зарур мешуморад, ки ғуломони Ӯ беморӣ, ғаму ғусса, мусибатҳо, таъқибот, душвориҳо ва муҳтоҷиро аз сар гузаронанд. Ҳамаи ин барои он лозим аст, то зарфҳои гилин шикаста шаванд ва нури Хушхабар равшантар ва возеҳтар дурахшад.

**4,10** Ҳаёти ғуломи Худо ҳаёт дар *марги* доимист. Чунон ки Худи *Худованд Исо* ҳангоми дар замин зистанаш доимо ба таҳқир ва таъқибот дучор мегашт, пайравони ӯ низ худи ҳамонро аз сар мегузаронанд. Лекин ин мағлубиятро ифода намекунад. Ин роҳ сӯи ғалаба мебошад. Вақте мо ҳар рӯз ҳамин тавр мемирем, ба дигарон ин баракат оварда метавонад.

Танҳо ҳамин тавр ҳаёти Исо дар бадани мо зоҳир шуда метавонад. *Ҳаёти Исо* дар ин ҷо пеш аз ҳама на ҳаёти Ӯ дар замин, балки *ҳаёти* Ӯ чун Писари болобардоршудаи Худо дар осмон мебошад. Ҷаҳон чӣ гуна ҳаёти Масеҳро дида метавонад, вақте Ӯ имрӯз дар ҷаҳон шахсан, ҷисман ҳузур надорад? Ҷавоб чунин аст: Вақте мо, масеҳиён, дар хизматгузорӣ ба Худованд азоб мекашем, ҳаёти Ӯ *дар бадани мо зоҳир мешавад.*

**4,11** Ояти 11 ақидаро дар бораи *ҳаёт* аз *марг* давом медиҳад. Ин яке аз муҳимтарин принсипҳои мавҷудияти мо мебошад. Гӯште ки мо мехӯрем ва бо он зиндагонӣ мекунем, ба мо ба василаи марги ҳайвонот дастрас аст. Худи ҳамин чиз дар доираи рӯҳонӣ ҳам ба вуқуъ меояд. «Хуни риёзаткашон тухмаи

Ҷамоат аст». Ҷамоат чӣ андоза зиёд дунболагириҳо, мусибатҳо ва таъқиботро аз сар гузаронад, масеҳият ҳамон андоза зиёд паҳн мешавад.

Ва ба ҳар ҳол ин ҳақиқатро қабул кардан барои мо душвор аст. Вақте хизматгузорӣ Худованд ба зӯроварӣ дучор мегардад, мо одатан инро чун фоҷиа қабул менамоем. Дар асл бошад ин на истисно, балки тарзи амали барои Худо муқаррарӣ мебошад. Мо доимо *ба хотири Исо ба марг* супурда мешавем ва ба ҳамин тариқ *ҳаёти Исо дар бадани мирандаи мо* зоҳир мешавад.

**4,12** Расул дар ин ҷо тамоми чизҳои дар боло гуфташударо ҷамъбаст намуда, ба қуринтиён хотиррасон менамояд, ки *ҳаёт* ба онҳо ба василаи азобҳои доимии вай омад. Барои он ки ба Қуринтус рафта имконияти башорат додан дошта бошад, ба Павлус лозим омад аз азоб ва душвориҳои фавқулода гузарад. Лекин ин азобҳо ба он меарзиданд, зеро қуринтиён ба Худованд Исо эътимод бастанд ва акнун ҳаёти абадӣ доштанд. Азобҳои ҷисмонӣ ва маҳрумиятҳои Павлус барои дигарон дастовардҳои рӯҳониро ифода мекарданд. Робертсон мегӯяд: *«Мурдани ӯ ба некии онҳое хизмат мекард, ки хизмати ӯ барояшон фоида меовард»*.[20]

Вақте мо бемор мешавем, аксаран ба Худованд муроҷиат карда илтимос мекунем, ки моро аз он халос кунад, то ба Ӯ беҳтар хизмат карда тавонем. Шояд, баъзан барои чунин касалиҳо дар ҳаётамон ба Худо шукргузорӣ кардан ва дар нотавонӣ хурсандӣ кардан лозим аст, зеро дар мо қувваи Масеҳ гузошта шудааст.

**4,13** Расул дар бораи нозукӣ ва заифии зарфи одамӣ мегуфт, ки ба он Хушхабар боварӣ карда супурда шудааст. Вай ба ин чӣ навъ муносибат мекунад? Оё вай мағлуб карда шудааст, оё аз мардонагӣ маҳрум карда шудааст, оё ноумед шудааст? Не. Имон ба вай қувва медиҳад, то мавъизаи Хушхабарро давом диҳад, зеро вай медонад: аз пайи азобҳои ин ҳаёт ҷалоли беандоза меояд.

Дар Забур 115,1 таронасаро мегӯяд: *«Имон доштам, бинобар ин мегуфтам»*. Вай ба Худованд бовар мекард ва бинобар ин гуфтаи ӯ натиҷаи ин имони амиқ буд. Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки худи ҳамин барои вай ҳам дуруст аст. Вай дорои худи ҳамон рӯҳи имон буд, ки таронасаро ҳам, вақте ин суханонро мегуфт. Павлус мегӯяд: *«... мо низ имон дорем, бинобар ин мегӯем»*.

Мусибатҳо ва таъқибот дар ҳаёти Павлус даҳони ӯро набастанд. Имони ҳақиқӣ ҳамеша зуҳуроти худро меёбад. Вай хомӯш истода наметавонад.

*Ҳарчанд ғам мехӯрӣ ва туро ранҷонидаанд,*
*Ҳарчанд ту то беху бун хор шудаӣ,*
*Лекин ба Масеҳ бовар дорӣ, пас интизор машав,*
*Бигӯ, дар ин бора бигӯ.*
*Агар ба Масеҳ имон дошта бошӣ,*
*Наҷотдиҳандаро бо дил қабул намудӣ,*
*Чаро ту, Рӯҳро ғамгин карда, кашол медиҳӣ?*
*Бигӯ, дар ин бора бигӯ.*

**4,14** Агар ба мо аҷоиб намояд, ки таҳдиди доимии марг Павлусро суст накард, мо ҷавобро дар ояти 14 ёфта метавонем. Сирри нотарсии вай дар мавъизаи хабари масеҳист. Вай медонист, ки ҳаёти ӯ ҳанӯз ҳама чиз нест. Вай медонист, ки масеҳӣ ба растохез дилпур буда метавонад. Худи ҳамон Худо, ки *Худованд Исои Масеҳро* зинда намуд, расул Павлусро *ҳам ба василаи Исо бармехезонад* ва ҳамроҳи қуринтиён дар назди Худ мегузорад.

**4,15** Расул ба растохез умеди қавӣ дошт ва барои ба маҳрумиятҳои даҳшатнок ва ба озмоишҳо дучор шудан тайёр буд. Вай медонист, ки ҳамаи ин азобҳо натиҷаи дутарафа медиҳанд. Онҳо барои қуринтиён баракати фаровон доранд ва боиси *шукргузории* боз ҳам зиёдтар *барои ҷалоли Худо* мешаванд. Павлус дар ҳама чизе ки мегуфт ва мекард, ана ҳамин ду мақсадро ба сифати дастур қабул карда буд. Вай инро *барои ҷалоли Худо* ва барои хайрияти наздикони худ мекард.

Павлус мефаҳмид, ки вай чӣ қадар зиёд азоб кашад, *файзи* Худо ба дигарон ҳамон қадар зиёд мерезад. Чӣ қадар одамони зиёд наҷот ёбанд, ҳамон қадар зиёд ба Худо *шукргузорӣ* карда мешавад, ва Худо ҳамон қадар зиёд ҷалол меёбад.

Чунин менамояд, ин рӯҳия дар парафрази ин оят дар «Библияи зинда»-и англисӣ хеле хуб инъикос ёфтааст:

*Азобҳои мо барои хайрияти шумо мебошанд. Аз шумо ҳар қадар зиёд ба назди Масеҳ оянд, ҳамон қадар одамони зиёд Ӯро барои*

*марҳамати бузургаш шукргузорӣ хоҳанд кард, ва Худованд ҳамон андоза зиёд ҷалол хоҳад ёфт.*

**4,16** Павлус ба ҳар гуна азобҳо ва хавфу хатарҳо тайёр буданашро бо он шарҳ медод, ки вай ҳамеша дар пеш умед ба растохезро медид. *Бинобар ин* вай *ноумед намешуд*. Гарчанде, аз як тараф, доимо раванди заволи ҷисмонӣ ба вуқӯъ меомад, ба ҳар ҳол, аз тарафи дигар, вай доимо рӯҳан нав мегашт, ки ин барои давом додани хизмат, ба ҳеҷ як вазъияти душманона нигоҳ накарда, ба вай қувва медод.

Аз эҳтимол дур аст, ки факти *фарсуда шудани одами зоҳирӣ* ба шарҳ ё тавзеҳ эҳтиёҷ дошта бошад. Аз рӯи баданҳои мо ин аз ҳад зиёд хуб аён аст! Лекин Павлус дар ин ҷо аз он шод мешавад, ки Худо барои хизматгузории масеҳӣ ҳар рӯз ба вай қувва медиҳад. Ба ростӣ, чунон ки Микеланҷело гуфтааст, «мармар чӣ қадар зиёд зада бурида шавад, ҳайкал ҳамон қадар калонтар мешавад».

Айэнсайд тавзеҳ медиҳад:

*Ба мо мегӯянд, ки бадани мо дар ҳар ҳафт сол пурра нав мешавад ... Аммо мо худро худи ҳамон шахси аввала медонем. Шахсияти мо сол аз сол тағйирнопазир мемонад ва дар табдили бузурги оянда ҳамон хел мемонад. Дар шабпарак худи ҳамон ҳаёт аст, ки дар зочаи он буд.*[21]

**4,17** Вақте мо мехонем, ки расул Павлус чӣ гуна мусибатҳои даҳшатнокро аз сар гузаронд, фаҳмидан душвор намуда метавонад, ки вай дар бораи онҳо чун дар бораи *азоби сабук* гап мезанад. Ба маънои муайян он асло сабук набуд. Он талх ва бераҳмона буд.

Лекин шарҳро дар муқоисае ёфтан мумкин аст, ки Павлус мегузаронад. Мусибатҳо, агар онҳо аслан дида баромада шаванд, бағоят вазнин буда метавонанд, лекин дар муқоиса бо *ҷалоли абадии,* ки *ба фаровонии беандоза*[22] дар пеш интизор аст, онҳо сабуканд. Ғайр аз ин, *азоби сабук кӯтоҳмуддат аст,* дар ҳоле ки ҷалол *абадист.* Дарси ибрате ки ба воситаи азобҳо дар ин ҷаҳон гирифтаем, дар ҷаҳони оянда ба мо самари фаровон меоварад.

Мурҳед зикр мекунад: *«Шодии хурдакак дар ин ҷаҳон ба мо ворид мешавад; дар он ҷо мо ба шодӣ ворид мешавем. Дар ин ҷо – якчанд қатра, дар он ҷо уқёнуси бепоён».*[23]

Дар ин оят пирамида ҳаст, ки аз рӯи суханони Ф. Е. Марш, монда намекунад ва каси боло барояндаро маҷбур намекунад, ки аз қувват равад, балки ба ҷони вай роҳат ва тасаллои аз ҳад зиёд меоварад.

*Ҷалол.*
*Ҷалоли абадӣ.*
*Ҷалоли абадии фаровон.*
*Ҷалоли абадӣ ба фаровонии беандоза.*[24]

**4,18** Дар ин ҷо калимаи *«нигоҳ мекунем»* на танҳо ба чашми одамӣ дахл дорад; аниқтараш, вай фикри нуқтаи назар оид ба чизро чун як чизи муҳим ифода мекунад. *Чизҳои намоён* мақсади мавҷудияти инсонӣ нестанд. Пеш аз ҳама ин ба бадбахтиҳо, озмоишҳо ва азобҳое ки Павлус аз сар гузаронид, дахл дорад. Онҳо қисми хизмати вай буданд; вале мақсади бузурги хизматгузории вай *чизҳои нонамоён* буданд. Ин дар худ ҷалоли Масеҳ, баракат ба наздикон ва он мукофотеро дар бар гирифта метавонад, ки хизматгузори содиқи Масеҳро дар пеши Курсии Доварии Масеҳ интизор аст.

Ҷоветт тавзеҳ медиҳад:

*Барои дида тавонистани аввалӣ чашм лозим аст; барои дида тавонистани дуюмӣ зиракӣ лозим аст. Воситаи якуми дидан табиист, дуюмӣ рӯҳонист. Дар ҳолати якум узви асосии фарққунӣ ақл, дар дуввум – имон аст ... Дар тамоми Навишта биноӣ ва борикбинӣ доимо муқобил гузошта мешаванд ва дар ҳама ҷо ба мо таълим медиҳанд, ки маҳдудият ва камии якеро ва, аз вай боло гузоштани пуррагӣ ва вусъати дигареро фаҳмем.*[25]

## Ё. Зиндагӣ дар партави Курсии Доварии Масеҳ (5,1-10)

Оятҳои оянда бо ҳамаи гуфтаҳои пешина зич алоқаманданд. Павлус дар бораи уқубатҳо ва бадбахтиҳои ҳозирааш ва дар бораи ҷалоле сухан меронд, дар пеш интизор аст. Ин вайро ба андеша дар бораи марг меоварад. Ин порча дар тамоми Каломи Худо яке аз ҷойҳои бузургтарин мебошад, ки дар он ҷо оид ба марг ва муносибати масеҳӣ ба он гуфта мешавад.

**5,1** Дар ояти 1 расул оид ба бадани мирандаи ҳозираи мо чун дар бораи *хонаи заминӣ, ин хайма* сухан меронад. *Хайма* хонаи доимӣ нест, балки манзили мувaққатии ноустуворест, ки барои муҳофизат аз қувваҳои табиат бино карда мешавад.

Дар ин ҷо гуфта мешавад, ки марг *ин хаймаро* хароб мекунад. *Хайма* дар лаҳзаи марг хароб мешавад. Ҷисм ба қабр мехобад, дар ҳоле ки рӯҳ ва ҷони масеҳӣ ба назди Худованд мераванд.

Павлус бобро шуруъ мекунад, муътақид ба он ки, агар *агар хонаи заминии* вай *хароб шавад* (дар натиҷаи азобҳо, ки дар бораи онҳо дар боби пешина сухан рафт), вай *аз ҷониби Худо иморате, хонаи бо даст сохтанашудаи абадӣ, ки дар осмон аст,* хоҳад дошт. Ба фарқи байни *хайма* ва *хона* таваҷҷуҳ намоед. *Хаймаи* муваққатӣ хароб карда шудааст, наваш бошад, *хонаи* доимӣ масеҳиро дар кишвари паси осмонҳо интизор аст. Ин *иморат аз ҷониби Худо* ба он маъност, ки онро ба мо Худо медиҳад.

Сониян, ин *хона бо даст сохта нашудааст.* Павлус чаро ин тавр мегӯяд? Ҷисмҳои ҳозираи мо бо даст сохта нашудаанд; пас чаро таъкид кардан зарур аст, ки ҷисмҳои пурҷалоли ояндаи мо бо даст сохтанашуда хоҳанд буд? Ҷавоб чунин аст: суханони *«бо даст сохтанашуда»* «на аз ин офариниш»-ро ифода мекунад. Ин аз Ибриён 9,11 аниқ мегардад, ки дар он ҷо мехонем: «аммо Масеҳ ҳамчун Саркоҳини некиҳои оянда омада, ба воситаи хаймаи бузургтар ва комилтаре, ки *бо дасти одам сохта нашудааст, яъне аз ин офариниш нест ...»*[26] Дар 2Қуринтиён 5,1 Павлус мегӯяд, ки ҷисмҳои ҳозираи мо барои зиндагӣ дар ин замин мувофиқ мебошанд, ҷисмҳои ояндаи боҷалоли мо бошанд ба ин офариниш тааллуқ нахоҳанд дошт. Онҳо махсус барои зиндагӣ дар осмон офарида хоҳанд шуд.

Ҷисми ояндаи масеҳӣ ҳамчунин чун *абадӣ ... дар осмон* тасвир карда мешавад. Ин ҷисм дигар ба бемориҳо, ба марг ва ба вайроншавӣ дучор нахоҳад шуд, вай дар хонаи осмонии мо абадан зиндагӣ хоҳад кард.

Ин оят имкон медиҳад хулоса барорем, ки масеҳӣ аз Худо дар худи ҳамон лаҳзаи мурдан иқоматгоҳ мегирад, вале ин тавр нест. Вай ҷисми ҷалолёфтаи худро танҳо ҳамон вақте ки Масеҳ барои Ҷамоати Худ бармегардад, мегирад (1Тасл. 4,13-18). Бо масеҳӣ ана чӣ ба вуқуъ меояд. Дар вақти мурдан рӯҳ ва ҷони вай ба назди Масеҳ мераванд, ки дар он ҷо бошуурона аз ҷалоли осмон лаззат мебарад. Ҷисми вай дар қабр мехобад. Ҳангоме ки Худованд бармегардад, турбат аз қабр бардошта мешавад, Худо аз он ҷисми нави ҷалолёфта меофарад, ки он бо рӯҳ ва ҷон пайваст мешавад. Масеҳӣ байни марг ва барои муқаддасони Худ омадани Масеҳ, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳолати беҷисмӣ мебошад. Лекин ин онро ифода намекунад, ки вай тамоми хурсандӣ ва ҳузуру ҳаловати осмонро ба пуррагӣ дарк намекунад. Вай онҳоро дарк мекунад!

Пеш аз гузоштани ояти 1 мо бояд хотиррасон намоем, ки се маънидоди асосии он ҳаст, ки *иморате дар осмон, хонаи бо даст сохтанашудаи абадӣ* чист.

1. Худи осмонҳо.
2. Ҷисми мобайнӣ байни марг ва растохез.
3. Ҷисми ҷалолёфта.

Ин худи осмонҳо буданаш аз эҳтимол дур аст, зеро гуфта шудааст, ки вай *абадӣ, дар осмон аст* (5,2). Агар дар бораи ҷисми мутавассит сухан ронем, пас дар ҳеҷ ҷои Навиштаи Муқаддас дар бораи чунин ҷисм гуфта нашудааст. Зиёда аз он, хонаи бо дасти одам сохта нашуда чун *абадӣ* дар осмон тасвир карда шудааст, лекин нисбати ҷисми мобайнӣ ин нодуруст хоҳад буд. Чунин менамояд, ки нуқтаи назари сеюм дуруст аст: хона ҷисми зиндашудаи ҷалолёфта мебошад.

**5,2** Мо аксар дар ҷисми мирандаи ҳозираи худ маҷбурем *оҳ кашем,* зеро вай моро маҳдуд мекунад ва зиндагии рӯҳонии моро душвор месозад. Мо гарму ҷӯшон орзу дорем *хонаи осмонии худро дар бар кунем.*

Расул дар ин оят аз тасвири хайма ба либос мегузарад. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин корро вай барои он кард, ки хаймаҳоро худаш тайёр карда буд ва медонист, ки барои тайёр кардани ҳам хонаи муваққатӣ ва ҳам либос худи ҳамон як масолеҳ истифода мешавад. Дар ҳар ҳолат равшан аст, ки вай бисёр мехост ҷисми ҷалолёфтаи худро ба даст орад.

**5,3** Дар ин оят *«бараҳна»* чиро ифода мекунад? Оё ин онро мефаҳмонад, ки одам наҷот наёфтааст ва бинобар ин дар назди Худо росткорӣ дар бар накардааст? Оё ин онро ифода мекунад, ки одам, ҳарчанд наҷот ёфта бошад ҳам, дар назди Курсии Доварии Масеҳ мукофот намегирад? Ё ин ки ин онро мефаҳмонад, ки дар фосилаи байни марг ва растохез одами наҷотёфта ҷисм надорад ва ба он маънӣ бараҳна аст, ки вай рӯҳи беҷисм аст?

Муаллиф калимаи «бараҳна»-ро чун «беҷисм» ё «белибос» мефаҳмад. Павлус мегӯяд, ки вай на марг, на ҳолати беҷисми аз пайи он

ояндаро, балки омадани Худованд Исои Масеҳро гарму ҷӯшон хоҳон аст, ки дар он вақт масеҳиён ҷисмҳои ҷалолёфтаро ба даст меоваранд.

**5,4** Дуруст будани тафсири ояти 3-ро, зоҳиран, ояти 4 тасдиқ мекунад. Расул мегӯяд, ки *мо, ки дар ин хайма мебошем, дар таҳти боре оҳ мекашем, чунки намехоҳем либос кашем, балки дар бар кунем, то ки чизи миранда ба воситаи ҳаёт фурӯ бурда шавад*. Ба ибораи дигар, вай на ҳолати *байни* марг ва болобурдашавӣ ба осмонро чун умеди идеалии масеҳӣ интизор буд, балки онро, ки *дар вақти* ба осмон боло бурда шудан, вақте ки масеҳиён ҷисми дигар намиранда ба даст меоваранд, чӣ ба вуқуъ меояд.

**5,5** *Худо моро маҳз барои ҳамин ба вуҷуд овард,* барои худи ҳамин мақсад, яъне барои наҷоти ҷисм. Ин барои мо қуллаи нақшаҳои пурҷалоли Ӯ хоҳад буд. Ҳозир наҷот ба рӯҳ ва ҷони мо дахл мекунад, лекин он гоҳ наҷот ҷисмро ҳам дохил мекунад. Дар ин бора як фикр карда бинед: Худо моро офарид ва дар айни ҳол мақсади Ӯ ҳолати ҷалолёфта буд, хонаи бо дасти одам сохта нашудаи абадӣ, дар осмон!

Лекин мо чӣ тавр боварӣ ҳосил карда метавонем, ки ҷисми ҷалолёфта хоҳем дошт? Ба ин ҷавоб дода, *Худо ба мо гарави Рӯҳро додааст.* Чунон ки пештар шарҳ дода мешуд, дар дохили ҳар як масеҳӣ сокин будани *Рӯҳи* Худо гарави он мебошад, ки *тамоми* ваъдаҳои Худо нисбати масеҳӣ иҷро хоҳанд шуд. Ин нишонаи оянда аст. *Рӯҳи* Худо Худ *гарав аст,* замонати он, ки алҳол аз Худо ба мо қисман додашуда боре пурра аз они мо мешавад.

**5,6** Маҳз боварии амиқ ба ин ҳақиқати гаронбаҳо ба Павлус барои мардонагӣ қувва медиҳад. Вай медонист, ки тамоми он вақте ки вай *дар ҷисм* макон гирифтааст, вай *аз Худо дур мебошад.* Албатта, барои Павлус ин ҳолат хеле хуб набуд, лекин вай бо он розӣ мешуд, агар дар айни ҳол дар ин ҷо, дар замин ба Масеҳ ва ба халқи Худо хизмат карда метавонист.

**5,7** Он далел, ки *мо бо имон рафтор мекунем, на бо дидор,* исботи муҳими аз Худованд дур будани мо мебошад. Мо ҳеҷ гоҳ Худовандро бо чашмони ҷисмонии худамон надидаем. Мо Ӯро танҳо бо имон дида метавонистем. То даме ки мо дар ҷисм сокинем, зиндагии мо аз он наздикии ба ҳаёти дидани ҳақиқӣ хос маҳрум аст.

**5,8** Ояти 8 фикри дар ояти 6 шуруъшударо давом медиҳад ва онро ба охир мерасонад. Ба умеди бобаракати дар наздаш буда нигоҳ карда, Павлус пур аз мардонагист; вай гуфта метавонад, ки бо роҳат вақт мегузаронад ва мехоҳад *аз ҷисм берун рафта назди Худованд макон гирифтанро афзал* донад. Вай бо он бемор аст, ки Бернард онро «ҳасрати осмонӣ» меномад.

Чунин намуданаш мумкин аст, ки ин оят ба гуфтаи ҳозираи расул мухолифат мекунад. Вай дар оятҳои пешина хоҳиши ба даст овардани ҷисми ҷалолёфтаро изҳор мекард. Дар ин ҷо бошад вай мегӯяд, ки мехост *аз ҷисм берун рафта назди Худованд макон гирифтанро беҳтар ҳисобад,* яъне дар он ҳолати беҷисм будан мехост, ки байни марг ва болобурдашавӣ хоҳад буд.

Лекин дар ин ҷо мухолифат нест. Масеҳӣ се имконият дорад ва масъала дар он аст, ки вай кадоме аз онҳоро афзал медонад. Зиндагӣ дар бадани миранда дар замин ҳаст. Ҳолати байни марг ва омадани Масеҳ, ҳолати беҷисмӣ ҳаст, лекин рӯҳ ва ҷон дар он бошуурона аз ҳузури Масеҳ лаззат мебаранд. Ва, ниҳоят, анҷомёбии наҷоти мо ҳаст, вақте ки Худованд Исо барои мо меояд ва мо бадани ҷалолёфта ба даст меоварем. Павлус дар ин порча таълим медиҳад, ки ҳолати якум хуб аст, дуюмӣ беҳтар, сеюмӣ бошад аз ҳама беҳтар.

**5,9** Масеҳӣ бояд *кӯшиш* кунад, ки ба Худованд *писанд афтад.* Наҷоти вай ба амалҳо вобаста нест, лекин мукофот дар рӯзи оянда ба садоқати вай ба Худованд вобаста хоҳад буд. Масеҳӣ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки *имон* бо *наҷот, амалҳо* бошад бо *мукофот* алоқаманд аст. Вай бо файз ба василаи имон наҷот меёбад, на бо амалҳо; лекин вақте ки вай наҷот ёфтааст, бояд ба кардани корҳои нек кӯшиш кунад ва вай барои амалҳо мукофотонида мешавад.

Таваҷҷуҳ намоед, ки Павлус мехост ба Ӯ *писанд афтад, хоҳ дар ин ҷой бошад ва хоҳ набошад,* яъне ҳузур дошта ё ҳузур надошта бошад. Ин онро ифода мекунад, ки хизматгузории Павлус дар замин бояд дили Худовандро шод мекард, хоҳ Павлус ҳанӯз дар замин бошад ё аллакай дар назди Курсии Доварии Масеҳ меистода бошад.

**5,10** Яке аз сабабҳои зарурати ба Масеҳ *писанд афтодан* чунин аст: *ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Ӯ ҳозир шавем.* Аслан маъно ҳатто на дар он аст, ки дар он ҷо *ҳозир шавем,* балки дар он аст, ки дар он ҷо зоҳир карда шавем. «Библияи англисии нав» дуруст мегӯяд: «Зиндагонии ҳар яки мо бояд кушоду равшан дар назди доварии Масеҳ гузошта шавад». Ба кабинети табиб ҳозир шудан як кор, ва дар он ҷо аз рентген гузаштан тамоман кори дигар. *Доварии Масеҳ* зиндагии моро маҳз ҳамон тавре ки он буд, дар назди Масеҳ мекушояд. На танҳо *шумораи* хизматгузории мо, балки *сифати* он ҳам ва ҳатто *мақсадҳои* водоркунандаи он ҳама дида баромада мешавад.

Ҳарчанд гуноҳҳои баъд аз имон овардан содиршуда ба хизматгузории мо таъсир мекунанд, гуноҳҳои масеҳӣ аслан дар ин рӯзи муҳим дида баромада намешаванд. Он доварӣ бештар аз 1900 сол пеш ба вуқӯъ омад, вақте ки Худованд Исо бо бадани Худ гуноҳҳои моро ба чӯб бардошт. Вай пурра қарзеро, ки гуноҳҳои мо онро сазовор буданд, пардохт ва Худо дигар ҳеҷ гоҳ ин гуноҳҳоро ба доварии Худ намеоварад (Юҳ. 5,24). *Курсии Доварии Масеҳ* хизматгузории моро ба Худованд дида мебарояд. Он ҷо масъалаи наҷот нест: ин аллакай амри воқеъ аст. Дар он ҷо масъала дар бораи мукофот ва аз мукофот маҳрум кардан меистад.

### Ж. Виҷдони поки Павлус дар хизматгузорӣ (5,11–6,2)

**5,11** Одатан чунин мешуморанд, ки аҳамияти ин оят чунин аст: азбаски Павлус дар бораи доварии даҳшатноки Худо бар гуноҳ ва дар бораи ваҳшати дӯзах медонист, вай ҳама ҷо гашта, одамонро бовар мекунонд, ки Хушхабарро қабул намоянд. Ин дуруст аст, лекин дар айни замон, аз рӯи ақидаи мо, маънои асосии порчаи аниқи додашуда на дар ин мебошад.

Дар ин ҷо Павлус аз даҳшати Худованд барои наҷотнаёфтагон дида бештар дар бораи тарси боэҳтиром сухан меронад, ки бо он вай мекӯшид ба Худованд хизмат кунад ва ба Ӯ *писанд афтад.* Расул медонад, ки барои Худо ҳаёти ӯ чун китоби кушода мебошад. Лекин вай мехост, ки қуринтиён низ ба покӣ ва садоқати ӯ дар хизмати Хушхабар муътақид бошанд. Ва бинобар ин вай моҳиятан чунин мегӯяд:

*Азбаски мо тарси Худовандро медонем, мо кӯшиш мекунем одамонро ба покӣ ва самимияти худ чун хизматгузорони Масеҳ бовар кунонем. Лекин хоҳ ба бовар кунонидани одамон муваффақ шавем ё не, ба Худо мо ошкор ҳастем. Қуринтиён, умедворем, ки инчунин ба виҷдонҳои шумо ҳам ошкор ҳастем.*

Зоҳиран, ин шарҳ ба матн аз ҳама беҳтар мувофиқат мекунад.

**5,12** Павлус мефаҳмад, ки суханони ҳозиракак гуфтаи ӯро нодуруст чун худситоӣ маънидод кардан мумкин аст. Вай намехоҳад, то ягон кас гумон кунад, ки вай инро бо камоли майл ба худ иҷозат медиҳад! Бинобар ин вай илова менамояд: *«Худро ба шумо аз нав муаррифӣ намекунем»,* ё «худро аз нав бисёр таъриф намекунем». Дар ин ҷо дар назар дошта нашудааст, ки вай *аллакай* як замоне худро ба онҳо бисёр таъриф карда буд. Ӯро дар ин гаштаву баргашта *айбдор мекарданд* ва дар ин ҷо вай иштибоҳи онҳоро дар ин бора мекӯшад барҳам диҳад.

Пас чаро вай чунин дуру дароз хизматгузории худро ҳимоя мекард? Павлус чунин ҷавоб медиҳад: *«...балки ба шумо асосе медиҳем барои он ки бо мо фахр намоед, то шумо ҷавобе дошта бошед барои онҳое, ки бо чизи зоҳирӣ фахр менамоянд, на бо он чи дар дил аст».* Вай ба худситоӣ ҳавасманд набуд. Лекин вай мефаҳмид, ки муаллимони дурӯғин ӯро дар ҳузури муқаддасони қуринтӣ тезу тунд танқид мекунанд. Вай мехост, ки масеҳиён чӣ хел зада гардондани ҳуҷумҳо ба ӯро донанд ва бинобар ин ба онҳо маълумот медод, то ки онҳо ӯро аз айбномаҳои дар ҳузури онҳо пешниҳодшаванда ҳимоя карда тавонанд.

Вай мегӯяд, ки мунаққидони вай *бо чизи зоҳирӣ фахр менамоянд, на бо он чи дар дил аст* (муқоиса кунед бо 1Сам.х 16,7). Ба ибораи дигар, онҳо бештар мекӯшиданд худро, шакли зоҳирии худро нишон диҳанд, на самимияти ботинӣ, покӣ ва бовиҷдониро. Симои ҷисмонӣ, ё суханварӣ, ё ин ки ҷидду ҷаҳди зоҳирӣ барои онҳо ҳама чизро ифода мекард. «Барои одамоне, ки ғами зоҳирро мехӯранд, чизи рӯякӣ ҳама чиз мебошад, самимияти дил бошад ҳеҷ чиз аст».

**5,13** Дар асоси ин оят тахмин кардан мумкин аст, ки расулро дар девонагӣ, дар

таассуб ё шаклҳои гуногуни беҷошавии ақл айбдор мекарданд. Вай инкор намекунад, ки дар ҳолате зиндагонӣ мекунад, ки онро Деннӣ «шиддати рӯҳонӣ» номидааст. Вай фақат мегӯяд, ки агар *бехуд шуда бошад,* пас ин *барои Худост.* Ҳамаи он чи ба мунаққидони вай девонагӣ тобиданаш мумкин буд, дар асл садоқати амиқи дил ба Худо буд. Ӯро шавқу рағбат ба чизҳои илоҳӣ фаро гирифта буд. Аз тарафи дигар, *агар* вай *солимфикр*, ё *хоксор* буд, пас ин барои қуринтиён буд. Хулоса, дар оят гуфта шудааст, ки ҳама чиз дар рафтори Павлус, ё бо ҷидду ҷаҳд баҳри Худо, ё бо ғамхорӣ оид ба некӯаҳволии наздикон масеҳиён шарҳ дода мешавад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ӯро асло майлҳои худбинона водор намекунанд. Оё мунаққидони вай худи ҳаминро дар бораи худ гуфта метавонистанд?

**5,14** Ҳеҷ кас аз омӯзандагони ҳаёти расул ҳайрон нашуда намемонд: Чӣ чиз ӯро маҷбур месохт, ки ин гуна монда нашуда ва фидокорона меҳнат кунад? Вай дар ин ҷо, дар яке аз беҳтарин оятҳо дар тамоми номаҳои худ, ҷавоб медиҳад: ин *муҳаббати Масеҳ аст.*

*Муҳаббати Масеҳ* дар ин ҷо чиро ифода мекунад: Муҳаббати Ӯро ба мо ё муҳаббати моро ба Ӯ? Шубҳае нест, ки ин муҳаббати Ӯ ба мо мебошад. Ягона сабаб, ки ба туфайли он мо умуман дӯст медорем, он аст, ки Ӯ моро аввалин шуда дӯст дошт. Маҳз муҳаббати Ӯ моро вусъат медиҳад, моро айнан ҳамон хел *водор месозад,* чунон ки одамро дар мағозаи серодам тӯдаи харидорон аз паси худ кашола карда мебарад. Павлус *муҳаббати* ҳайратангезро, ки Масеҳ ба вай зоҳир кард, мушоҳида карда, аз хизматгузорӣ ба Худованди аҷоиби худ барқанор буда наметавонад.

Барои ҳама мурда, Исо Намояндаи мо буд. Вақте Ӯ мурд, *ҳамаи* мо дар Ӯ *мурдем.* Чунон ки гуноҳи Одам гуноҳи насли ӯ гардид, ҳамон хел марги Масеҳ марги онҳое гардид, ки ба Ӯ имон доранд (Рум. 5,12-21; 1Қур. 15,21.22).

**5,15** Ба далелҳои расул ҳеҷ эътироз кардан мумкин нест. Масеҳ *барои ҳама мурд.* Чаро Ӯ *барои ҳама* мурд? То ононе ки дар имон ба Ӯ *зиндагӣ мекунанд, акнун на барои худ зиндагӣ кунанд, балки барои Ӯ.* Наҷотдиҳанда баҳри мо на барои он мурд, ки мо зиндагонии паст, худбинона ба сар барем ва ҳамон тарзе ки мехоҳем, зиндагӣ карданро давом диҳем. Не, Ӯ барои мо баҳри он мурд, ки мо минбаъд ҳаёти худро бо майли том, бо садоқати хурсандиовар ба Ӯ бахшем. Деннӣ мефаҳмонад:

> *Бо марги мо мурда, Масеҳ ба мо чунин муҳаббати беандозаро зоҳир намуд, ки мо бояд ба Ӯ, ва ба таври доимӣ танҳо ба Ӯ тааллуқ дошта бошем. Моро аз они Худ кардан – ана ин аст мақсади марги Ӯ.*[27]

**5,16** Шояд, ин оят бо ояти 12 монанд аст, ки он ҷо Павлус мегуфт, ки мунаққидони вай бо рӯй, на бо дил худситоӣ мекунанд. Алҳол вай ин масъаларо аз нав мебардорад, таълим медиҳад, ки ҳангоме мо назди Масеҳ меоем, офаридаи нав зода мешавад. *Минбаъд* мо одамонро ба таври заминӣ, аз рӯи ҷисм, аз рӯи зоҳир, мувофиқи тавсияи одамон ё пайдоиши миллӣ ҳукм намекунем. Мо дар онҳо ҷонҳои қиматбаҳоро мебинем, ки Масеҳ барои онҳо мурдааст. Вай инчунин илова мекунад, ки ҳарчанд *Масеҳро аз рӯи ҷисм,* яъне фақат чун одам *мешинохт,* вай дигар Ӯро чунин намешиносад. Ба ибораи дигар, Масеҳро чун ҳамсояи худ дар деҳаи Носира, ё ҳатто чун Масеҳи заминӣ шинохтан як гап, ва Масеҳро дар ҷалоли Ӯ, алҳол дар тарафи рости Худо нишаста шинохтан – тамоман гапи дигар мебошад. Имрӯз мо Худованд Исоро нисбатан наздиктар ва нисбатан ҳақиқитар мешиносем, нисбат ба онҳое, ки Ӯро ҳангоми дар замин буданаш мешинохтанд. Ӯ Худро ба мо ба василаи Калом, ба воситаи Рӯҳ нисбатан пурратар зоҳир намуд.

Дэвид Смит тавзеҳ медиҳад:

> *Ҳарчанд як замоне расул ба идеали яҳудии ғайридинии Масеҳ ҳамфикр буд, алҳол вай ба нуқтаи назари нисбатан олитар омад. Масеҳ барои вай Наҷотдиҳандаи зиндашуда ва ҷалолёфта буд, ки на аз рӯи ҷисм, балки аз рӯи рӯҳ, на ба воситаи ривоятҳои таърихӣ, балки ба воситаи мушоракати ҳаётан муҳим ва бевосита ҳақиқатан шинохта мешавад.*[28]

**5,17** *Пас, касе ки дар Масеҳ аст,* яъне наҷот ёфтааст, *офаридаи навест.* То имон овардан дар бораи одамон аз рӯи меъёрҳои одамӣ ҳукм кардан мумкин буд. Лекин алҳол ҳама чиз тағйир ёфтааст. Меъёрҳои бахогузории *қадима* аз байн рафтаанд, *инак ҳама чиз нав шудааст.*

Ин оятро махсусан онҳое дӯст медоранд, ки ба наздикӣ аз олами боло зода шудаанд, ҳамчунин вайро аксар дар шаҳодатҳои шахсӣ иқтибос меоваранд. Баъзан дар вақти чунин иқтибосоварӣ таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд

меояд. Ба шунаванда чунин намуданаш мумкин аст, ки одатҳои кӯҳна, фикрҳои бад, нигоҳҳои шаҳватпарастона ҳамешагӣ ба гузашта рафтанд ва ҳама чиз дар ҳаёти одам ба маънои аслии калима нав гардид. Мо медонем, ки чунин нест. Дар оят на амалҳои масеҳӣ, балки мартабаи ӯ тасвир карда мешавад. Ба ифодаи *«касе ки дар Масеҳ аст»* таваҷҷуҳ намоед. Калимаи *«дар Масеҳ»* калид ба тамоми порча мебошад. *Дар Масеҳ чизҳои қадима гузаштааст, инак ҳама чиз нав шудааст.* Мутаассифона, «дар ман» на ҳамаи ин дуруст аст. Лекин ман дар ҳаёти масеҳӣ ба пеш ҳаракат мекунам, ман мехоҳам, ки амалҳои ман ба мавқеи ман боз бештар мувофиқат намояд. Боре, вақте Худованд Исо бармегардад, ҳам ину ҳам он дар таносуби пурра хоҳад буд.

**5,18** *Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост.* Ӯ Сарчашма ва Муаллифи *ҳама чиз* аст. Чизе нест, ки одам бо он фахр кунад. Ҳамаи ин аз *Худост,* ки Ӯ *моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ оштӣ дод ва хизмати оштиро ба мо супурд.*

Ин баёни бисёр хуби таълимоти оштиро дар як Луғати Навиштаи Муқаддаси англисӣ ёфтан мумкин аст:

*Бо марги Худованд Исо дар салиб Худо дар файзи Худ он масофаеро, ки гуноҳ бо он Ӯро аз одам ҷудо карда буд, нест кард, то ки ба василаи Масеҳ ҳама чиз дар ҳузури Ӯ ба таври мақбул ҳозир шуда тавонад. Масеҳиён аллакай ба василаи марги Масеҳ мусолиҳа кунонда шудаанд, то ки пок, беайб ва лоиқи маҳкумшавӣ набуда ҳозир шаванд (чун офаринишн нав). Худо дар Масеҳ буд, вақте Масеҳ дар замин буд ва ҷиноятҳои одамонро чун айб ба ҳисобашон надароварда, ҷаҳонро бо Худ оштӣ мекунонид; вале алҳол, вақте муҳаббати Худо пурра дар салиб зоҳир гардид, шаҳодат дар тамоми ҷаҳон паҳн гашта, бо Худо оштӣ кардани одамонро хоҳиш менамояд. Мақсади охирини вай одамро ба Худо мақбул намудан аст.*[29]

**5,19** Хизмати оштӣ дар ин ҷо чун хабар дар бораи он шарҳ дода мешавад, ки *Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ оштӣ дод.* Ин суханонро ду хел фаҳмидан мумкин аст ва ҳар ду маънидод аз нуқтаи назари Навиштаи Муқаддас дуруст хоҳад буд. Аввалан, мо фикр карда метавонем, ки *Худо* ба он маъно *дар Масеҳ буд,* ки Худованд Исо Худо аст. Ин, албатта, дуруст аст. Лекин мо инро ин хел ҳам фаҳмида метавонем, ки *Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ оштӣ.* Ба ибораи дигар, Ӯ аҳли ҷаҳонро бо Худ оштӣ дод, вале инро дар шахси Худованд Исои *Масеҳ* ба амал овард.

Новобаста ба он ки кадом маънидодро қабул мекунем, ҳақиқат аён мемонад: масъалаи гуноҳро ҳал намуда, Худо фаъолона сабаби ҷудошавиро, ки байни Ӯ ва одам меистод, бартараф мекард. Ба Худо оштӣ лозим нест, лекин одам муҳтоҷи оштӣ бо Ӯст.

*Хатоҳои* одамонро *ба ҳисобашон надаровард.* Ҳангоми бори аввал хондан чунин намуданаш мумкин аст, гӯё оят таълим медиҳад, ки наҷот умумист, ва ҳамаи одамон ба шарофати кори кардаи Масеҳ наҷот меёбанд. Лекин чунин таълимот ба тамоми Каломи боқимондаи Худо комилан мухолифат мекард. Худо воситаеро ёфт, то хатоҳо ва гуноҳҳои одамонро ба ҳисобашон надароварад ва ҳарчанд ин восита ба ҳама дастрас аст, он танҳо барои онҳое таъсирбахш аст, ки дар Масеҳанд. Бешубҳа, хатоҳо ва гуноҳҳои наҷотнаёфтагон ба ҳисоби онҳо дароварда мешаванд, лекин аз ҳамон лаҳзае ки ин одамон ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳанда имон меоваранд, онҳо росткор ҳисобида мешаванд ва гуноҳҳои онҳо шуста мешаванд.

Ба ғайр аз кори мусолиҳаи Худ Худо ба одамони Худ *каломи мусолиҳаро супурд.* Ба ибораи дигар гӯем, Ӯ ба онҳо шарафи бузургеро супурд, ки рафта дар ҳама ҷо ба ҳамаи одамон ин хабари машҳури оштиро мавъиза кунанд. Ӯ чунин кори муқаддасро на ба фариштаҳо, балки ба одамони ҳақиру заиф супурд.

**5,20** Расул дар оятҳои пешина гуфт, ки ба ӯ хабари оштӣ супурда шуда буд. Ӯ барои мавъиза кардани ин хабар ба инсоният фиристода шуда буд. Мо тахмин карда метавонем, ки оятҳои 5,20 то 6,2 баёни мухтасари сухани оштиро дар бар мегиранд. Ба ибораи дигар, Павлус ба мо хабареро мешунавонад, ки вай дар мамлакатҳо ва гӯшаҳои гуногуни олам сафар намуда, ба наҷотнаёфтагон мавъиза мекард. Ана ин чизро дидан муҳим аст. Павлус дар ин ҷо ба қуринтиён пешниҳод намекунад, ки бо Худо оштӣ кунанд. Онҳо аллакай ба Худованд Исо имон доранд. Лекин вай ба қуринтиён мегӯяд, ки вай ба ҳар ҷое ки равад, ин хабарро ба наҷотнаёфтагон мавъиза мекунад.

Сафир фиристодаи давлат аст, ки ҳукумати худро дар кишвари бегона намояндагӣ мекунад. Павлус ҳамеша дар бораи хизмати масеҳӣ чун дар бораи вазифаи олӣ ва боэътибор сухан меронад. Вай худро дар ин ҷо ба сафире монанд мекунад, ки ӯро *Масеҳ* ба ҷаҳоне ки мо зиндагӣ мекунем, фиристод. Ӯ мунодии Худост ва *Худо ба воситаи ӯ хоҳиш мекунад.* Ин ифода дар истифода нисбати сафир қадаре аҷиб менамояд. Сафирро ба сифати *илтимоскунанда* тасаввур кардан барои мо ғайримуқаррарист, лекин шуҳрати Хушхабар ҳам дар ҳамин аст, ки дар он Худо дар ҳақиқат зону зада, бо чашмони пурашк бо Ӯ *оштӣ* карданро аз одамон хоҳиш мекунад. Агар душманӣ давом кунад, пас ин душманӣ аз тарафи одам аст. Худо ҳамаи монеаҳоро, ки ба робитаи пурраи байни Ӯ ва одам халал мерасонданд, нест кард. Худованд ҳамаи он чиро ки метавонист, кард. Ҳозир одам бояд аслиҳаи муқобилатро ҷамъ карда монад, ошӯби боисрори худро қатъ намояд ва *бо Худо оштӣ намояд.*

**5,21** Ин оят барои оштӣ асосҳои таълимотӣ мегузорад. Худо чӣ тавр оштиро имконпазир намуд? Ӯ чӣ тавр гуноҳкорони айбдорро, ки бо тавба ва имон ба назди Ӯ меоянд, қабул карда метавонад? Ҷавоб чунин аст: Худованд Исо аз уҳдаи масъалаи гуноҳҳои мо умуман бомуваффақият баромад, ва мо акнун бо Худо оштӣ карда метавонем.

Ба ибораи дигар, Худо Масеҳро *барои мо қурбони гуноҳ сохт* – Масеҳеро, *ки аз гуноҳ бехабар буд, то ки мо дар Ӯ росткории Худо шавем.*

Мо бояд аз ҳар гуна андеша дар бораи он ки Худованд Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто дар ҳақиқат *гунаҳкор* шуд, эҳтиёт шавем. Чунин андеша нодуруст аст. Гуноҳҳои мо *ба Ӯ* гузошта шуда буданд, лекин *дар* Ӯ онҳо набуданд. Аслан Худо Ӯро аз номи мо қурбони гуноҳ сохт. Вақте мо ба Ӯ имон меоварем, Худо моро росткор меҳисобад. Бо қурбон карда шудани Ивазкунандаи мо талаботҳои шариат пурра қонеъ гардонида шуданд.

То чӣ андоза пурбаракат аст он ҳақиқат, ки Масеҳ *аз гуноҳ бехабар буда, барои мо қурбони гуноҳ* карда шуд, *то мо,* ки росткориро намедонем, *дар Ӯ росткории Худо шавем.* Бо ҳеҷ як забони одамӣ шукргузории кофиро ба Худо барои чунин файзи беҳад тасвир кардан имкон надорад.

**6,1** Баъзеҳо чунин мефаҳманд, ки дар ин оят Павлус ба қуринтиён муроҷиат намуда, онҳоро водор месозад аз *файзе ки* ба онҳо зоҳир шудааст, комилан фоида баранд.

Мо бошем, чунин мешуморем, ки Павлус баён намудани мазмуни хабареро, ки онро вай ба наҷотнаёфтагон мавъиза мекард, давом медиҳад. Вай аллакай ба беимонон дар бораи файзи муъҷизаноки аз тарафи Худо пешниҳодшаванда нақл кард. Ҳозир вай аз онҳо хоҳиш мекунад, ки *файзро бефоида қабул накунанд.* Онҳо набояд иҷозат диҳанд, ки донаи Хушхабар ба хоки бесамар афтад. Не, онҳо ба ин хабари муъҷизанок бояд ҷавоб диҳанд, он Наҷотдиҳандаро қабул намоянд, ки дар бораи Ӯ вай мегӯяд.

**6,2** Баъдтар Павлус Ишаъё 49,8-ро иқтибос меоварад. Агар мо ба ин боб рӯ оварда онро омӯзем, ошкор месозем, ки Худо бо халқи Худ, ки Масеҳро инкор мекунад, баҳс менамояд. Аз ояти 7 аён аст, ки халқ Худованд Исоро рад кардааст ва мо медонем, ки рад шудани Ӯ ба марг оварда расонид. Лекин дар ояти 8 мо суханони Худоро пайдо менамоем, ки Худованд Исоро бовар мекунонад, ки дуои Ӯ шунида шуд ва Худо ба Ӯ ёрӣ медиҳад ва Ӯро нигоҳ медорад.

*Дар рӯзи наҷот ба ту мадад кардам.* Ин ба растохези Худованд Исои Масеҳ дахл дорад. *Вақти муносиб* ва *рӯзи наҷот* бо растохези Масеҳ аз мурдагон хабар дода мешаванд.

Павлус Хушхабарро мавъиза намуда, ин ҳақиқати муъҷизанокро мегирад ва ба шунавандагони наҷотнаёфта хабар медиҳад: *«Инак акнун вақти муносиб аст, инак акнун рӯзи наҷот аст».* Дигар хел карда гӯем, даврае ки дар бораи он Ишаъё чун дар бораи *рӯзи наҷот* пешгӯӣ карда буд, аллакай даррасид ва бинобар ин Павлус одамонро водор мекунад, ки то даме ки *рӯзи наҷот* давом мекунад ба Наҷотдиҳанда бовар кунанд.

## 3. Рафтори Павлус дар хизматгузорӣ (6,3-10)

**6,3** Павлус дар ин ҷо аз хабаре ки мавъиза мекард, ба рафтори шахсии худ дар *хизмати* масеҳӣ мегузарад. Ӯ мефаҳмид, ки ҳамеша одамоне ёфт мешаванд, ки барои худро канор гирифтан ва гӯш накардани хабари наҷот

баҳона меҷӯянд ва агар чунин баҳонаро ба онҳо зиндагонии номураттаби мавъизагар диҳад, пас ин онҳоро дар он устувор менамояд, ки хоҳиши гӯш кардан надошта бошанд. Бинобар ин вай ба қуринтиён хотиррасон менамояд, ки *дар ҳеҷ чиз ба васваса намеандохт, то ки хизмат ба таъна дучор нашавад*. Чунон ки мо пештар ишорат намудем, дар зери мафҳуми хизмат дар ин ҷо на ягон хел мансаби олии ҷамоатӣ, балки, аниқтараш, хизмати Масеҳ фаҳмида мешавад. Идеяи ба мансаби динӣ барқарор кардан ба воситаи одам дар ин ҷо дахле надорад. *Хизмат* ба ҳамаи онҳое ки Масеҳро қабул намуданд, тааллуқ дорад.

**6,4** Дар оятҳои 4-10 расул тасвир менамояд, ки чӣ хел вай кӯшиш менамуд хизмати худро иҷро намояд – ӯро дар ҳеҷ чиз айбдор кардан мумкин нест. Ба Худо хизмат карданашро дарк намуда, вай ҳамеша мекӯшид сазовори чунин мақом рафтор намояд. Деннӣ ин ҷоро хеле хуб тавзеҳ медиҳад:

*Сарчашмаҳои амиқии бузург дар назди ӯ воз мешаванд, вақте ӯ дар ин бора фикр мекунад; вақте ӯ сухан ронда сар мекунад, шароити ӯ аз ҳад зиёд душвор аст ва ӯ танҳо бо суханони ҷудогонаи берабт гап зада метавонад, лекин ҳанӯз то он даме ки ист кунад, вай аллакай озодиро ба даст овардааст ва бо ҳеҷ чиз боздошта нашуда рози дил мегӯяд.*[30]

Оятҳои 4 ва 5 азобҳои ҷисмонии аз сар гузаронидаи Павлусро тасвир менамоянд, ки онҳо ӯро чун хизматгузори самимӣ, содиқи Худованд гувоҳӣ дода буданд. Дар оятҳои минбаъда дар бораи сифатҳои неки масеҳиёна, ки вай зоҳир намудааст, гуфта мешавад. Баъдан дар оятҳои 8-10 вай саргузаштҳои гуногуни ба хизмати масеҳӣ хосро як-як номбар мекунад.

*Сабри бисёр,* бешубҳа, ба пуртоқатии Павлус нисбат ба одамон, нисбат ба ҷамоатҳои маҳаллӣ ва нисбат ба ҳамаи бадбахтиҳо дахл дорад, ки ҳамаи онҳо якҷоя бояд ӯро аз роҳи устувории қавӣ мезаданд.

*Сахтиҳо,* эҳтимол, таъқиботҳои ҳақиқие мебошанд, ки вай ба хотири Масеҳ аз сар гузаронд.

*Муҳтоҷиҳо* дар ин ҷо маҳрумиятҳое дар назар дошта шудаанд, ки вай аз онҳо дар азоб буд: шояд, нарасидани хӯрок, либос, надоштани сарпаноҳ.

*Тангиҳо* шароитҳои номусоиде буда метавонанд, ки вай аксар ба он меафтод.

**6,5** Чунон ки дар Амалҳо 16,23 тасдиқ карда мешавад, Павлус *зарбаҳои* зиёдро аз сар гузаронид. Дар бораи *зиндонҳои ӯ* баъдтар дар 2Қуринтиён 11,23 гуфта мешавад. *«Ошӯбҳо»* ба норизоиҳои умум ва бетартибиҳо нисбат дошта метавонанд, ки онҳо аксар аксуламали ҷавобӣ ба мавъизаи Хушхабар буданд. (Чунончи, хабар дар бораи он ки ғайрияҳудиён ҳам ба монанди яҳудиён наҷот ёфта метавонанд, якчанд мавҷи махсусан шадиди ҷавру зӯровариро ба вуҷуд овард.) Мафҳуми *меҳнатҳои* Павлус метавонад ҳам тайёр кардани хаймаҳо, ва, албатта, дигар шаклҳои меҳнати ҷисмонӣ, ва сафарҳоро низ дар назар дошта бошад. *Бехобиҳо* чунин аст тасвири зарурати доимии ҳушёр будан нисбати ҳилаву найранги шайтон ва мухолифат ба кӯшиши зарар расониданй душманон. *Рӯзадориҳо* аз хӯрок ихтиёран худдорӣ кардан буда метавонад, лекин имконияти бештар дорад, ки дар ин ҷо гуруснагии аз камбағалӣ бавуҷудомада дар назар дошта шудааст.

**6,6** Павлус *дар покӣ,* яъне дар покизагӣ ва покшавӣ хизматгузорӣ мекард. Ҳеҷ кас ӯро дар бадахлоқӣ айбдор карда наметавонист.

Хизматгузорӣ *дар дониш* мегузашт; шояд, он далел дар назар дошта мешавад, ки ин хизматгузории на ҷаҳолат, балки хизматгузории дониши додаи Худо буд, ки инро вусъати ҳақиқати Худо, ки дар номаҳои Павлус зоҳир гаштааст, хеле хуб исбот менамояд.

Ба қуринтиён исботи *сабри* ӯ дигар лозим набуд! Худи таҳаммули вай нисбати ҳамаи гуноҳҳову камбудиҳои онҳо далели кофист. *Меҳрубонӣ,* ё некии Павлус дар он зоҳир гашт, ки вай худро фидокорона барои дигарон медод, ба халқи Худо бо муҳаббат муносибат мекард ва ба он дилсӯзӣ мекард.

Ифодаи *«дар Рӯҳулқудс»,* бешубҳа, онро ифода мекунад, ки ҳамаи корҳои кардаи Павлус бо қувваи Рӯҳ дар итоати Ӯ ба амал оварда мешуд.

*Дар муҳаббати бериё* – яъне *муҳаббати* Павлус ба дигарон, *ки* дар ҳаёти расул он қадар аён буд, на хаёлӣ ё риёкорона, балки самимӣ буд. Он ба тамоми рафторҳои ӯ хос аст.

**6,7** *Дар каломи ростӣ – яъне* тамоми хизматгузории Павлус дар итоат *ба каломи ростӣ* иҷро мешуд, ё ин ки хизматгузорӣ бовиҷдонона буда, ба он хабаре ки мавъиза

мекард, мантиқан мувофиқат мекард, ва маҳз: ба каломи ҳақиқат.

*Дар қуввати Худо,* бешак, онро ифода мекунад, ки расул амали худро на бо қуввати худ, балки фақат ба қуввате ки *Худо* медиҳад, такя намуда иҷро мекард. Баъзеҳо инчунин тахмин менамуданд, ки ин шояд ба муъҷизаҳое дахл дорад, ки Павлус аз боиси расул будан ба амал оварда метавонист.

*Аслиҳаи росткорӣ* дар Эфесусиён 6,14-18 тасвир шудааст. Ин ҷо дар назди мо шахсияти ростгӯй, бовиҷдон ва собитқадам зоҳир мешавад. Касе гуфтааст: «Вақте ки одам росткории фаъолонаро дар бар дорад, вай осебнопазир аст». Агар дар гардани мо гуноҳ бар зидди Худо ва одамон набошад, иблис ба ҳеҷ куҷо тир андохтан наметавонад.

Дар бобати ибораи *«дар дасти рост ва чап»* шубҳаҳо вуҷуд доранд. Яке аз имконпазиртарин шарҳҳо он аст, ки дар муҳорибаи қадима шамшерро дар дасти рост ва сипарро дар дасти чап медоштанд. Шамшер дар бораи ҷанги ҳуҷумӣ, сипар бошад дар бораи ҷанги мудофиавӣ мегуфт. Дар ин ҳолат Павлус ин ҷо оид ба хислати хуби масеҳӣ чун мувофиқати ҳамла ва ҳимоя сухан ронда метавонад.

**6,8** Павлус дар ин ҷо ва дар ду ояти минбаъда баъзе аз мухолифатҳои сахтро тасвир менамояд, ки ба хизмат барои Худованд Исо хос мебошанд. Шогирди ҳақиқӣ аз қуллаҳои кӯҳ, водиҳои чуқур ва аз он чи дар байни онҳо мехобад, мегузарад. Ин ҳаёти *шараф ва бешарафӣ,* ғалаба ва мағлубияти зоҳирӣ, таъриф ва танқид аст. Хизматгузори ҳақиқии Худо ҳадафи сарзаниш ва ситоиш аст. Баъзеҳо ҷидду ҷаҳд ва мардонагии вайро хеле хуб баҳо медиҳанд, дар ҳоле ки дигарон танҳо маҳкум карда метавонанд. Бо вай чун бо фиребгар ва номдузд муносибат мекунанд ва ба ҳар ҳол вай *амин,* ё «ростгӯй аст». Вай фиребгар нест, балки хизматгузори самимии Худост.

**6,9** Агар гап дар бораи ҷаҳон равад, Павлус барои вай *гумном* буд ва аз тарафи вай фаҳмида нашуда буд ва ба ҳар ҳол вай ба Худо ва бародарон-масеҳиён хеле хуб *шинохта* буд.[31]

Ҳаёти ӯ ҳаёти *мурдани* ҳаррӯза буд, вале ана ӯ *зинда аст!* Ба ӯ таҳдид мекарданд, ӯро шикор мекарданд, ӯро меронданд, *таъқиб* мекарданд ва ба зиндон меандохтанд, вай бошад озодиро танҳо барои он ба даст меовард, ки Хушхабарро бо ҷидду ҷаҳди боз ҳам бештар мавъиза кунад. Ин ифодаи зеринро боз ҳам қатъитар таъкид менамояд: *ҷазо мебинем, лекин мо намемирем.* Дар зери мафҳуми *ҷазо* дар ин ҷо он ҷазое дар назар дошта шудааст, ки вай аз дасти одамон аз сар гузаронд. Эҳтимол, на як бор онҳо меҳисобиданд, ки ба зиндагии исёндӯстонаи вай хотима гузоштанд, ва аз нав дар бораи корномаҳои ӯ бахри Масеҳ дар дигар шаҳрҳо мешуниданд!

**6,10** Ба хизмат ғам ҳамроҳ буд, лекин Павлус *ҳамеша шодӣ мекард.* Ҳатто гуфтан лозим нест, ки чӣ хел вай ғам мехӯрд, вақте Хушхабарро рад мекарданд, вақте фарзандони Худо дар роҳи рӯҳонӣ пешпо мехӯрданд; вай аз боиси камбудиҳои шахсии худ ҳам ғам мехӯрд. Ва ба ҳар ҳол, вақте ки вай дар бораи Худованд ва дар бораи ваъдаҳои Худо фикр мекард, дар ӯ ҳамеша сабаби бисёр хуб барои он буд, то ки ба боло назар андозад ва хурсандӣ намояд.

Павлус ба маънои соҳиби неъматҳои ин ҷаҳон будан *бенаво* буд. Мо дар бораи он намехонем, ки вай ба ягон моликият ё молу мулк соҳиб буд. Лекин андеша намоед, чӣ қадар ҳаёт ба василаи хизмати вай сарватманд гардид! Ҳарчанд вай *нодор* буд, ба ҳар ҳол ба маънои муайян вай *дорои ҳама чиз буд,* ки дар ҳақиқат аҳамият дорад.

*«Дар ин изҳороти баландтарин»,* менависад А. Т. Робертсон, *«Павлус тахайюлотро ба ихтиёраш вомегузорад ва он, ба монанди барқ дар абрҳо, бозӣ мекунад».*[32]

## И. Павлус ба фарохдилӣ ва муҳаббат даъват мекунад (6,11-13)

**6,11** Алҳол бошад расул қӯринтиёнро ба таври боэҳтирос даъват мекунад, ки дили худро ба вай кушоянд. Вай ошкоро ва кушодадилона дар бораи муҳаббати худ ба онҳо мегуфт. Азбаски даҳон аз фаровонии дил мегӯяд, *даҳони кушодаи* Павлус аз *дили* пур аз дилбастагӣ ба ин одамон сухан меронд. Маънои умумии оят маҳз дар ҳамин аст, ки суханони зерин тасдиқ менамоянд: *дили мо фарох аст,* яъне бо муҳаббат тайёр аст онҳоро қабул кунад.

Чунон ки инро Тозер ифода кардааст, *«Павлус одами хурд бо ҳаёти дохилии васеъ буд; дили бузурги ӯро аксаран маҳдудияти*

*шогирдон ранҷур мекард. Намуди дарҳам кашидашудаи ҷонҳои онҳо ба вай дард меовард».*[33]

**6,12** Ҳар гуна карахтӣ дар муносибати байни Павлус ва қуринтиён на аз вай, балки аз онҳо мебаромад. Онҳо муҳаббати худро ба вай то ба дараҷае маҳдуд карда метавонистанд, ки муътақид набуданд, ӯро қабул намоянд ё не, лекин вай худро дар муҳаббат ба онҳо маҳдуд намекард. Камии муҳаббатро онҳо зоҳир карданд, на Павлус.

**6,13** Агар онҳо ӯро барои муҳаббаташ тақдир кардан хоҳанд (вай дар бораи онҳое сухан меронад, ки *фарзандони* вай дар имон буданд), онҳо ба дилбастагии худ ба вай бештар кушода буданро бояд имкон диҳанд. Павлус худро падари онҳо эҳсос мекард. Ва онҳо бояд вайро чун падар дар имон дӯст медоштанд. Танҳо Худо ин эҳсосотро дода метавонад, лекин онҳо бояд ба Ӯ иҷозат диҳанд, то дар ҳаёташон инро кунад.

Як тарҷумаи англисӣ ин маънои оятҳои 11-13-ро хеле хуб ошкор кардааст:

*Эй қуринтиён, ман аз шумо чизеро пинҳон намекунам, дили ман барои шумо васеъ кушода аст. «Маҳдудият?» Ин дар шумост, на дар ман. Акнун биёед, чунон ки фарзандон мегӯянд, аз рӯи инсоф мубодила намоем! Дилҳои худро ба ман фарох кушоед.*

## Й. Павлус ба ҷудошавӣ дар асоси Навиштаи Муқаддас даъват менамояд (6,14–7,1)

**6,14** Робитаи байни оятҳои 13 ва 14 ин аст: Павлус ба муқаддасон гуфт, ки дар эҳсосот нисбати вай дилкушод бошанд. Акнун вай шарҳ медиҳад, ки худро аз тамоми шаклҳои гуноҳ ва беадолатӣ ҷудо карда, инро кардан мумкин аст. Бешубҳа, вай ба андозае дар бораи муаллимони дурӯғин, ки ҷамоати қуринтиёнро пур намудаанд, фикр мекунад.

Ақида дар бораи юғи нобаробар аз Такрори Шариат 22,10 ибтидо мегирад: «Барзагов ва харро якҷоя баста, шудгор накун». Барзагов ҳайвони пок буд, хар бошад нопок; қадами онҳо гуногун аст, қувваи боркашӣ ҳам. Баръакс, вақте масеҳиён бо Худованд Исо як юғро мебаранд, онҳо ошкор менамоянд, ки юғи Ӯ хуш ва бори Ӯ сабук аст (Мат. 11,29.30).

Ин ҷой дар 2Қуринтиён дар Каломи Худо аз рӯи масъалаи ҷудошавӣ яке аз асоситарин мебошад. Дар ин ҷо ишорати равшан мавҷуд аст: масеҳӣ худро аз *беимонон,* аз бешариатӣ, торикӣ, блиял, бутҳо бояд ҷудо кунад.

Албатта, дар ин ҷо робита бо муносибатҳои никоҳӣ мушоҳида мешавад. Масеҳӣ бо одами наҷотнаёфта набояд оиладор шавад. Лекин дар он ҳолатҳое ки масеҳӣ аллакай бо одами беимон оиладор аст, ин порча ҷудошавӣ ё талоқро сафед намекунад. Дар ин ҳолат хости Худо дар он аст, ки никоҳ нигоҳ дошта шавад, то ки ҳамсари наҷотнаёфта дар оянда наҷот ёфта тавонад (1Қур. 7,12-16).

Ғайр аз ин, гуфтаҳо ба муносибатҳои корӣ ҳам дахл доранд. Масеҳӣ ба худ онҳоеро, ки Худовандро намедонанд, набояд ҳамроҳ (масалан барои барпокунии ширкат) интихоб намояд. Ин ба силкҳо ё ҷамъиятҳои динии махфӣ қобили татбиқ аст: Чӣ хел шахси ба Масеҳ содиқ узви собитқадами ташкилоте буда метавонад, ки дар он исми Масеҳ номатлуб аст? Агар сухан дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ равад, пас, мувофиқи ин оят, масеҳӣ робитаро бо наҷотнаёфтагон бояд нигоҳ дорад, то ки онҳоро назди Масеҳ оварад, лекин ҳеҷ гоҳ дар хурсандиҳои пургуноҳ, ё дигар амалҳои ношоистаи онҳо набояд иштирок намояд, зеро ин онҳоро водор месозад андеша намоянд, ки вай аз онҳо аз ягон ҷиҳат фарқ намекунад. Ин порча ба корҳои динӣ ҳам қобили татбиқ аст: пайрави содиқи Масеҳ дар ҷамоате, ки беимононро дидаву донista аъзои ҷамоат эътироф менамоянд, аъзогиро нигоҳ доштан нахоҳад хост.

Оятҳои 14-16 дар бораи муносибатҳои муҳими ҳаётӣ шаҳодат медиҳанд:

*Росткорӣ* ва бадкорӣ тамоми соҳаҳои рафтори маънавиро тасвир менамоянд.

*Нур* ва *торикӣ* бо қобилияти фаҳмидани он чи аз Худост, алоқаманданд.

*Масеҳ* ва *блиял* ба соҳаи эътибор дахл доранд, ба ибораи дигар, ба масъалаи шахсият ё чизҳое ки онро одам хоҷаи ҳаёти худ эътироф менамояд.

*Имондор* ва *беимон* ба соҳаи имон дахл доранд.

*Ибодатхонаи Худо* ва *бутҳо* ба андозаи пурра соҳаи парастиш ва хизматгузории одамро нишон медиҳанд.

*Росткорӣ* ва бадкорӣ якҷоя буда наметавонанд: онҳо ахлоқан мухолифанд. *Нур* ҳам

*бо торикӣ* ҳеҷ *умумияте* надорад. Вақте ки дар хона *чароғ* даргиронда мешавад, *зулмот* пароканда мешавад. Онҳо дар як вақт бо ҳам мавҷуд буда наметавонанд.

**6,15** Номи *«блиял»* «нолоиқ» ё «бадкор»-ро ифода мекунад. Дар ин ҷо ин номи шайтон аст. Оё осоиш дар байни *Масеҳ* ва шайтон имконпазир аст? Албатта, не! Ҳамин тавр иттиҳоди *имондор* бо *беимон* буда наметавонад. Кӯшиши бастани чунин иттиҳод хиёнат ба Худованд мебуд.

**6,16** *Бутҳо* ҳеҷ як умумияте бо *ибодатхонаи Худо* надоранд. Агар ин чунин бошад, пас масеҳиён бо бутҳо чӣ гуна сарукор дошта метавонанд, агар онҳо *ибодатхонаи Худои зинда бошанд?* Албатта, дар зери мафҳуми бутҳо дар ин ҷо на танҳо суробҳои аз чӯб буридашуда, балки ҳама чизе ки байни одам ва Масеҳ меистад, фаҳмида мешаванд. Инҳо пулҳо, хурсандиҳо, ҷалол ё неъматҳои моддӣ буда метавонанд.

Расул дар чунин порчаҳои Навиштаи Муқаддас, ба монанди Хуруҷ 29,45, Ибодат 26,12 ва Ҳизқиёл 37,27 далелҳои фаровони онро пайдо менамояд, ки мо *маъбади Худои зинда* мебошем. Деннӣ мегӯяд:

*[Павлус] интизор аст, ки масеҳиён ҳамчунин боэҳтимом, ба монанди яҳудиён, муқаддасии хонаи Худоро вайроннашуда нигоҳ хоҳанд дошт; акнун, мегӯяд вай, ин хона худи мо мебошем: мо худамонро беолоиш бо ин ҷаҳон бояд нигоҳ дорем.*[34]

**6,17** Агар ин ҳамин тавр бошад, Павлус онҳоро ба майдон металабад: *аз миёни онҳо берун оед.* Вай Ишаъё 52,11-ро иқтибос меорад. Ин пандҳои одӣ мебошанд, ки Худо ба халқи Худ оид ба ҷудо шудан аз бадӣ медиҳад. Масеҳиён набояд дар байни бадӣ чун як қисми он монанд, то ки онро ислоҳ намоянд. Худо мехоҳад, ки онҳо аз байни он *берун оянд.* Дар ояти додашуда *нопок* пеш аз ҳама ҷаҳони бутпараст аст, лекин он ба ҳар гуна бадӣ дахл дорад: дар тиҷорат, дар ҳаёти иҷтимоӣ ё ин ки дар ҳаёти динӣ.

Ин оятро барои мавъизаи ҷудошавӣ аз масеҳиёни дигар истифода бурдан мумкин нест. Ба масеҳиён насиҳати кӯшиш намудани «нигоҳ доштани ягонагии рӯҳ дар иттифоқи осоиш» садо медиҳад.

**6,18** Баъзан ба хотири итоат ба Каломи Худо робитаеро, ки солҳои зиёд вуҷуд дошт, *кандани* масеҳиён душвор аст. Зоҳиран, дар ояти 18 Худо чунин душвориро пешакӣ мефаҳмад. Вай аллакай дар ояти 17 гуфт: «Ман шуморо қабул хоҳам кард» ва ҳозир илова мекунад: *«Ва Падари шумо хоҳам буд ва шумо писарон ва духтарони Ман хоҳед буд, – мегӯяд Худованди қодири Мутлақ».* Чун подош барои он ки одам бо Масеҳ берун аз қароргоҳи бадӣ меистад, ба вай донистани чизи нав ва муносибати боз ҳам наздиктар бо *Падар* дода хоҳад шуд. Ин онро ифода намекунад, ки мо ба василаи итоат ба Каломи Ӯ писарон ва духтарони вай мегардем, лекин вақте ки чунин рафтор менамоем, мо худро чун *писарон ва духтарони* Ӯ зоҳир месозем, ва мо хурсандӣ ва лаззати писар буданро чунон эҳсос менамоем, ки пеш аз ин ҳеҷ гоҳ чунин эҳсос накарда будем.

«Баракати ҷудошавии ҳақиқӣ нисбат ба муносибати боҷалол бо худи Худои бузург ягон қадар камтар нест!».

Алҳол ин масъала дар назди масеҳиёни инҷилӣ дар ҷамоатҳои либералӣ ва нео-ортодоксӣ меистад. Онҳо доимо мепурсанд: «Ман бояд чӣ кор кунам?» Дар ин ҷо мо ҷавоби Худоро меёбем. Онҳо бояд он ҷамъиятро, ки дар он Худованд Исоро эҳтиром намекунанд ва чун Писари маҳбуби Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон ҳамду сано намегӯянд, тарк кунанд. Берун аз чунин ҷамъият онҳо барои Худо хеле зиёдтар карда метавонанд, нисбат ба ҳамаи он чи дар он монда ба даст оварда метавонанд.

**7,1** Ин оят бо гуфтаҳои боло робитаи зич дорад. Вай порчаи маъноии навро сар намекунад, балки онеро, ки аз 6,14 сар шуд, ба охир мерасонад.

*Ваъдаҳо,* ки дар бораи онҳо дар ин оят гуфта мешавад, онҳоеанд, ки дар оятҳои 17 ва 18-уми боби пешина иқтибос оварда шуданд. «Ман шуморо қабул хоҳам кард. Падари шумо хоҳам буд. шумо писарон ва духтарони Ман хоҳед буд». Ин *ваъдаҳои* аҷоиби Худоро дар назар дошта, мо бояд *худамонро аз ҳар нопокии ҷисм ва рӯҳ тоза кунем.* Нопокии *ҷисм* ҳама намудҳои нопокии ҷисмониро дар бар мегирад, дар ҳоле ки *нопокии* рӯҳ бо ҳаёти ботинӣ, майлҳо ва ниятҳо робита дорад.

Аммо Худо на танҳо ба тарафи манфӣ, балки ба тарафи мусбат ҳам ишорат менамояд. *Қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем.* Мо бояд на танҳо аз ҳама чизи нопоккунанда рӯ гардонем, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи

худ боз ҳам бештар ба Худованд Исои Масеҳ монанд шавем. Ин оят дар назар надорад, ки дар ин ҷо, дар замин буда, комилан пок шудан мумкин аст. Покшавии амалӣ равандест, ки тамоми умр давом мекунад. Мо боз бештар ба Худованд Исои Масеҳ монанд мегардем, то даме ки боре дар назди Ӯ рӯ ба рӯ ҳозир шавем ва он гоҳ ба Ӯ дар тамоми абадият монанд хоҳем шуд. Азбаски мо тарси боадабонаи Худо, ё эҳтиромро дар ҳузури Ӯ эҳсос менамоем, дар дилҳои мо хоҳиши пок шудан пайдо мешавад. Биёед, ҳамаамон ба монанди хизматгори бузурги Худо Макчейн чунин гуфтанро ёд гирем: «Худовандо, маро ба андозае ки ба одами ин тарафи осмон имконпазир аст, пок гардон».

## Й. Павлус ба хабарҳои нек аз Қуринтус хурсандӣ мекунад (7,2-16)

**7,2** *Дар дилҳои худ ба мо ҷой диҳед.* Қуринтиён сабаби накардани ин корро надоштанд, давом медиҳад Павлус, зеро вай *касеро наранҷонидааст, ба касе осеб нарасонидааст, аз касе истифода набурдааст.* Бадхоҳони вай дар бораи ӯ ҳар чиз гӯянд ҳам, расул Павлус ба ҳеҷ кас бадӣ накардааст ва аз ҳеҷ кас фоидаи моливӣ нагирифтааст.

**7,3** Ҳеҷ чизе аз гуфтаҳои Павлус ба маҳкум намудани қуринтиён равона карда нашудааст. Вай доимо онҳоро бовар мекунонд, ки дилбастагии амиқи вай ба онҳо ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар марг давом хоҳад кард.

**7,4** Ба муқаддасони Қуринтус чӣ қадар мустаҳкам дилбастагӣ доштанашро ҳис намуда, расул ба онҳо рӯйрост ва кушоду равшан муроҷиат карда метавонист. Лекин агар вай бо онҳо чунин ошкоро сухан меронд, пас дар ҳузури дигарон бо онҳо *фахр* ҳам *мекард.* Бинобар ин онҳо набояд кушодадилии вайро чун камии муҳаббат қабул намоянд; онҳо, аниқтараш, бояд дарк намоянд, ки вай дар ҳақиқат бо онҳо фахр мекунад ва ба онҳо дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷое ки бошад, баҳои баланд медиҳад. Эҳтимол, маҳз ҳамон амали конкретӣ дар зиндагии масеҳии онҳо, ки барои он Павлус онҳоро бо самимият таъриф мекард, пули ҷамъкардашуда барои муқаддасони бенавои Уршалим буд, ки онҳо ба он бо омодагӣ муносибат карданд. Расул боз дар ин бора бевосита хоҳад гуфт, дар ин ҷо бошад танҳо дар байни гап ба мавзуъ дахл карда мегузарад.

*Бо вуҷуди тамоми азобҳоямон, пур аз тасалло ҳастам ва шодии фаровон дорам.* Ин суханон дар оятҳои минбаъда шарҳ дода мешаванд. Чаро Павлус бо вуҷуди *тамоми азобҳои худ* чунин шод аст? Ҷавоб дар он аст, ки Титус ба вай дар бораи қуринтиён хабарҳои нек овард ва ин барои вай сарчашмаи шодии бузург ва рӯҳбаландӣ гардид.

**7,5** Мо аллакай дар бораи он хотиррасон намуда будем, ки Павлус Эфесусро тарк кард ва дар ҷустуҷӯи Титус ба Трӯос равона гашт. Дар он ҷо вайро наёфта, вай ба *Мақдуния* равона шуд. Ҳозир вай мефаҳмонад, ки вай дар Мақдуния ҳам он *оромиеро,* ки меҷуст, наёфт. Вай бесаранҷом буд, то ба ҳол *ба фишор дучор мешуд,* таъқиб карда мешуд. *Аз берун* душман бераҳмона ҳуҷумро давом медод, *аз дарун тарсҳо* ва ҳаяҷонҳо буданд, бешак алоқаманд бо он ки вай то ба ҳол Титусро ёфта натавонист.

**7,6** Баъд *Худо* мудохила кард ва Павлусро *бо омадани Титус тасалло дод.* Расул дар ин вақт ҳақиқати суханонро аз Масалҳо 27,17 эҳсос кард: «Оҳан оҳанро тез мекунад; ҳамчунин одам симои ёри худро пардоз медиҳад». Вохӯрии хурсандиовари ду хизматгори содиқи Масеҳро ба худ тасаввур намоед: Павлусро, ки саволборон мекунад ва Титусро, ки кӯшиш мекунад ба ҳамаи онҳо ҳар чи зудтар ҷавоб диҳад! (Ниг. инчунин Мас. 25,25.)

**7,7** Аммо *на танҳо* ҳамроҳшавии хушбахтона бо дӯст Павлусро ин қадар шод намуд; сабаби шодии вай, аниқтараш, нақли Титус буд дар бораи он ки чӣ тавр вай аз аксуламали қуринтиён ба мактуби Павлус *тасаллӣ ёфта буд.*

Хабари хуш он буд, ки бар хилофи кӯшишҳои баъзе муаллимони дурӯғин, ки мехостанд байни муқаддасон ва Павлус ҷудоӣ андозанд, қуринтиён ташнаи дидори расул Павлус буданд. қуринтиён на танҳо ӯро дидан мехостанд – онҳо мегиристанд. Онҳо дар бораи фориғболӣ гириста метавонистанд, ки дар ҷамъомади худ гуноҳро тоқат мекарданд, ё дар бораи он мусибатҳо ва изтиробҳо, ки ба расул расониданд. Ғайр аз *гиря,* Титус боз дар бораи эҳтироми самимии онҳо ба Павлус ва *ғайрат* – хоҳиши ҷиддии ба вай мақбул будан, мегуфт.

Ба ҳамин тариқ, расул на танҳо *бо омадани* Титус шодӣ мекард, балки аз шаҳодати он ҳам, ки қуринтиён ба насиҳатҳои вай гӯш андохтанд ва мисли пештара ба вай хайрхоҳ буданд.

**7,8** *Бинобар ин, агар шуморо бо нома ғамгин кардаам, пушаймон нестам, гарчи пушаймон ҳам будам; зеро мебинам, ки он нома шуморо, соате бошад ҳам, ғамгин кард.*

*Номае* ки дар бораи он Павлус сухан меронад, эҳтимол, ба мо чун Қуринтиён маълум аст ё мактуби дигари аз даст рафта, ки дар он вай бо муқаддасон ба қадри кофӣ сахт гап мезад.

Суханони Павлус дар бораи он ки вай оид ба *номаи* навишташуда *пушаймон шуд,* аниқиро талаб менамояд. Агар тахмин намоем, ки вай Қуринтиёнро дар назар дошт, ин асло ба масъалаи илҳоми илоҳӣ доштани Нома таъсир намерасонад. Он чи расул навиштааст, фармонҳои Худованд мебошанд; лекин худи Павлус ба ғаму ташвишҳои дигарон ҳассос буд.

Вилямс тавзеҳ медиҳад.

*Фарқи байни муаллиф ва илҳом дар ояти 8 намоён мегардад. Вай медонист, ки номаи якуми вай илҳоми илоҳӣ дорад. Суханони вай фармонҳои Худованд буданд, лекин худи вай, чун одами заиф, ки ба ҳаяҷон меомад ва дӯст медошт, аз он ба ваҳм меомад, ки дар натиҷаи нома қуринтиён аз ӯ дур хоҳанд шуд ва ӯ ба онҳо дард хоҳад расонд. Ин мисоли аҷоиби фарқи байни шахсияти пайғамбар ва хабари Рӯҳи Худо мебошад, ки ба ӯ супорида шудааст.*[35]

Он чиро, ки дар ин ҷо Павлус гуфт, хулоса мекунем: Вақте ки қуринтиён бори аввал номаи вайро хонданд, он барояшон чун сарзаниш садо дод ва дард ба вуҷуд овард. Расул ба онҳо нома фиристода, аксуламали онҳоро интизор буд, ва ин ӯро ба пушаймон шудан водор сохт. На дарки он ки вай ягон корро нодуруст кард; дар ин ҷо чунин андеша асло нест. Не, вай аз он пушаймон аст, ки кори Худовандро иҷро карда, ба вай лозим меомад ба дигарон боиси ғами муваққатӣ гардад, то ки дар зиндагии онҳо мақсадҳои Худоро комёб шудан мумкин гардад.

Дар қисми охири ояти 8 Павлус таъкид менамояд, ки ҳарчанд нома онҳоро *ғамгин кард,* ин *ба соате* буд. Таъсири аввалине, ки нома ба амал овард, дард буд. Лекин ғам дуру дароз давом накард.

Раванди дар ин ҷо тасвирнамудаи расулро ба кори ҷарроҳ монанд кардан мумкин аст. Барои нест кардани қитъаи сахт сироятнокшуда ба ҷарроҳ лозим меояд, ки ба ҷисм чуқур фурӯ равад. Вай аз он тамоман шод намешавад, ки ба бемор дард меоварад, лекин медонад, ки ин корро бояд кунад, то ки бемор аз нав сиҳат шавад. Махсусан дӯсти наздикро ҷарроҳӣ намуда, ҷарроҳ мефаҳмад, ки чӣ гуна азобҳоро аз сар гузаронидани вай лозим меояд. Лекин вай онро ҳам мефаҳмад, ки ин азобҳо муваққатианд ва мехоҳад, ки баҳри оқибати нек ҳамин хел ҳам бошад.

**7,9** Павлус *на* аз он шодӣ мекард, ки ба қуринтиён дард овард, балки аз он ки *ғамашон боиси тавба гардид*. Ба ибораи дигар, ғам тарзи тафаккури онҳоро тағйир дод, ки ба тағйирот дар зиндагӣ оварда расонид. *Тавба кардан,* чунон ки Ҳоҷ мегӯяд, *«на танҳо тағйири мақсад, балки тағйири дил ҳам мебошад, ки дар натиҷа одам аз гуноҳ бо андӯҳ ва нафрат рӯ мегардонад ва ба Худо муроҷиат мекунад».*[36]

Қуринтиён мувофиқи хости Худо ғамгин шуданд; чунин ғам ба Худо мақбул аст. Азбаски ғаму тавбаи онҳо самимӣ, *аз Худо* буд, он сарзаниши аз расул Павлус гирифтаи онҳо ба ҳеҷ гуна оқибатҳои дурударози бад оварда нарасонид.

**7,10** Дар ин оят *ғаме ки Худо додааст* ва *ғами дунявӣ* муқобил гузошта мешаванд. *Ғаме ки Худо додааст* – чунин андӯҳ ба ҳаёти одам ҳангоми содир кардани гуноҳ ворид мешавад, ва ба тавба кардан оварда мерасонад. Вай мефаҳмад, ки Худо бо ӯ сухан меронад ва бинобар ин бар зидди худ ва гуноҳи худ тарафи Худоро мегирад.

Вақте Павлус мегӯяд, ки *ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад*, ҳатмӣ нест, ки дар бораи наҷоти ҷон фикр мекарда бошад (ҳарчанд ин ҳам дуруст буда метавонад). Охир, қуринтиён наҷот ёфта буданд. Лекин дар ин ҷо *наҷот* барои нишон додани раҳоӣ аз ҳар гуна гуноҳ, ғуломӣ ё офат дар ҳаёти одам истифода мешавад.

*Ғами дунявӣ* тавбаи ҳақиқӣ нест, балки танҳо пушаймонист. Он алам, хастагӣ, ноумедиро *ба амал меоварад* ва тадриҷан ба *марг* оварда мерасонад. Инро дар мисоли ҳаёти Яҳудо дидан мумкин аст. Вай на оид ба

натиҷаи гуноҳи худ – марги Худованд Исо – пушаймон буд, балки оид ба он ки худаш чӣ гуна ҳосили даҳшатнок ба даст овард.

**7,11** Расул ба таҷрибаи қуринтиён чун ба мисоли тасдиққунандаи гуфтаҳои вай дар қисми аввали ояти 10 ишорат менамояд. Худи ҳамон чизе ки вай дар бораи ғам аз тарафи Худо мегуфт, дар ҳаёти онҳо зоҳир гашт. Имрӯз мо мегуфтем: «Чун шаҳодати он *ки шумо ба таври тақводорона ғамгин шудед ...»*. Пас вай натиҷаи ғами тақводоронаи онҳоро як-як номбар мекунад.

Аввалан, вай дар онҳо *ҷидду ҷаҳд,* ё ташвиши ҷиддиро ба амал овард. Агар ин порча ба ҳодисаи ҷазои интизомие ки дар номаи аввал тасвир карда мешавад, тааллуқ дошта бошад, пас ин ифода маънои зеринро дорад: Агар онҳо пеш бепарво буданд, пас акнун бо ин кор хеле ба ташвиш омаданд.

Сониян, ғам дар онҳо *узр хостан,* ё кӯшиши исбот намудани беайбии худро ба вуҷуд овард. Ин он маъноро надорад, ки онҳо мекӯшиданд худро сафед кунанд ё узр пурсанд, не, онҳо, аниқтараш, мекӯшиданд амалҳои қатъиро шуруъ намоянд, то ки худро аз ҳар гуна айбҳои минбаъда дар ин кор пок созанд. Тағйироти фикрҳои онҳо ба тағйирот дар рафтор оварда расонид.

*Чӣ гуна норизоӣ*[37] инро дар бораи муносибати онҳо ба гуноҳкор гуфтан мумкин буд, зеро вай исми Масеҳро шарманда кард. Лекин эҳтимоли бештар дорад, ки ин ҷо дар бораи муносибати онҳо ба худашон гуфта мешавад, зеро онҳо, ҳеҷ як чорае надида, ин қадар дуру дароз чунин бадкирдориро тоқат мекарданд.

*Чӣ гуна тарс,* бешак, маънои онро дорад, ки онҳо дар тарси Худованд амал мекарданд, лекин ба ин ҷо он ҳам дохил шуда метавонад, ки онҳо аз омадани расул метарсиданд, агар бо қамчин омадани ӯ лозим меомад.

*Чӣ гуна пазмонӣ.* Аксари тафсиркунандагон дар он ҳамфикранд, ки ин ба хоҳиши самимии дар дилҳои бедоршудаи онҳо дидани расул Павлус тааллуқ дорад. Лекин ин *шавқи* дидани ислоҳи чизи нодуруст ва бадро ҳам ифода карда метавонад.

*«Чӣ гуна ғайрат»*-ро ҳар хел шарҳ медиҳанд: *рашк* барои ҷалоли Худо, барои аз олами боло зода шудани гуноҳкор, барои покшавии шахсии онҳо аз наҷосат бо ин кор ё барои тарафдори расул шудан.

*Чӣ гуна сазодиҳӣ* чӣ гуна ҷазо ё чӣ гуна «подош»-ро ифода мекунад. Мақсад одист: онҳо ба гуноҳкор дар ҷамоат ба таври мувофиқ муомила карданд. Онҳо қатъӣ қарор доданд, ки гуноҳ бояд ҷазо дода шавад.

Баъд Павлус илова менамояд: *«Ва дар ҳамааш шумо нишон додед, ки дар ин кор пок ҳастед».* Албатта, инро на чун тасдиқ фаҳмидан лозим аст, ки гӯё онҳоро доимо дар ҳеҷ чиз айбдор кардан имкон надошт, балки онҳо ҳама кори имконпазирро карданд, то амалҳояшон маҳз ҳамон хел бошанд, чунон ки аз ибтидо бояд мебуданд.

**7,12** Бо ин оят чор масъалаи асосӣ алоқаманданд. Якум, Павлус дар бораи кадом нома мегӯяд *«ман ба шумо навишта будам»?* Дуюм, вай киро *бадкор* меномад? Сеюм, *касе ки бадӣ дидааст,* кист? Ва, ниҳоят, қисми охири оятро чӣ навъ дуруст тарҷума бояд кард: *«ҷидду ҷаҳди мо дар ҳаққи шумо»* ё «ҷидду ҷаҳди шумо дар ҳаққи мо»?

Нома, эҳтимол, онест ки ба мо чун 1Қуринтиён маълум аст, ё ягон номаи минбаъдаест, ки то ба мо нарасидааст. Бадкор шахсе буда метавонад, ки гуноҳи инсестро содир кардааст (дар бораи ин дар 1Қур. 5 гуфта мешавад), ё ин ки ин ба ягон хел бетартибиҳо дар ҷамоат тааллуқ дошта метавонад. Агар Павлус дар бораи одаме гӯяд, ки бо хеши наздик муҷомиат кардааст, пас ҷабрдида падари шахси гуноҳкор буд. Аз тарафи дигар, агар бадкор вайронкунандаи оромӣ бошад, пас ҷабрдида худи Павлус ё ягон каси дигар буд.

Дар тарҷумаи тоҷикӣ қисми охирини оят мегӯяд: *«... барои он буд, ки ҷидду ҷаҳди мо дар ҳаққи шумо дар пеши рӯи Худо ба шумо ошкор гардад».* Лекин дар баъзе тарҷумаҳои дигар ин суханон чунин тарҷума карда шудаанд: *«... барои он буд, ки* шумо дар пеши рӯи Худо самимияти худро дар ҳаққи мо дарк намоед».

**7,13** Азбаски номаи Павлус таъсири дилхоҳ ба вуҷуд овард, вай *тасаллӣ ёфт.* Қуринтиён тавба карданд ва тарафдори вай шуданд. Ғайр аз ин, ӯро шавқу завқе ки бо он Титус дар бораи муқаддасон сухан меронд, илҳом мебахшид; онҳо *рӯҳи* Титусро *ором карданд.*

**7,14** Зоҳиран, пеш аз он ки Титусро ба Қуринтус фиристад, расул дар бораи масеҳиёни ин шаҳр бо самимият сухан меронд. Алҳол вай мегӯяд, ки таърифҳои вай беҳуда

набудаанд. Ҳамаи он чи вай ба *Титус* дар бораи қуринтиён гуфт, тасдиқ гардид. Айнан ҳамон тавре ки ҳамаи он чи расул ба қуринтиён гуфт, ҳақиқат буд, *фахри* вай *пеши Титус* ҳам *рост баромад.*

**7,15** Яқинан, Титус намедонист, ки вақте вай ба ҷануби Юнон мерасад, вайро чӣ гуна пазироӣ интизор хоҳад буд. Эҳтимол, вай бадтаринашро тахмин мекард. Лекин вақте ки вай ба он ҷо омад, қуринтиён ӯро гарму ҷӯшон ва самимона истиқбол намуданд ва ҳатто зиёда аз он онҳо ба вай боз ҳам азизтар мегардиданд, зеро пандҳоеро, ки вай аз расул Павлус оварда буд, гӯш мекарданд.

Онҳо Титусро *бо тарсу ларз* қабул намуданд гуфта расул даҳшати ҳузнангез ё тарси буздилонаро дар назар надорад не, вай оид ба ҳисси эҳтироми зиёд дар назди Худованд ва хоҳиши софдилонаи ба Ӯ мақбул шудан сухан меронад.

**7,16** Вақте Павлус мегӯяд, ки *дар ҳар бобат метавонад аз* қуринтиён *дилпур бошад,* мо набояд дар ин суханон зиёда аз он чи расул гуфт, пайдо намоем. Ин суханон, албатта, онро ифода намекунанд, ки қуринтиён гуноҳ карда ё пешпо хӯрда наметавонанд. Вай, аниқтараш, дар назар дорад, ки боварӣ ба онҳо, ки бо он дар назди Титус фахр мекард, беҳуда набуд. Онҳо исбот карданд, ки ба боварии вай сазоворанд. Бешубҳа, ин он ақидаеро дар бар мегирад, ки онҳо ба коре ки дар бораи он дар номаи аввал сухан мерафт, муносибати бояду шояд карданд ва бинобар ин боварии пурраи вай ба онҳо тасдиқ шуд.

Ин оят ба қисми якуми Номаи дуввум ба Қуринтиёнро хотима мебахшад қисме ки ба тасвири хизмати расул ва ҷидду ҷаҳди мустаҳкам намудани алоқа бо қуринтиён бахшида шудааст. Ду боби минбаъда «файзи ато кардан»-ро дида мебароянд.

## II. ПАВЛУС НАСИҲАТ МЕКУНАД, КИ МАБЛАҒҶАМЪКУНӢ БАРОИ МУҚАДДАСОНИ УРШАЛИМ БА ОХИР РАСОНДА ШАВАД (Б. 8 ва 9)

### А. Намунаҳои хуби саховатмандӣ (8,1-9)

**8,1** Павлус мехост, то масеҳиён донанд, ки *файзи Худо* дар байни масеҳиён дар *ҷамоатҳои Мақдуния* (дар шимоли Юнон) чӣ хел ғайриодӣ зоҳир гашт. Филиппӣ ва Тасолуникӣ ду шаҳре мебошанд, ки дар онҳо дар он маҳал ҷамоатҳо бунёд шуда буданд.

Зуҳури муайяни *файзи Худо* дар байни мақдуниён саховатмандии онҳо буд.

**8,2** Ин масеҳиён аз миёни *имтиҳони бузурги сахтиҳо* гузаштанд. Одатан одамоне ки чунин замонҳои вазнинро аз сар гузарондаанд, мекӯшанд пул сарфа намоянд, то ки оянлаи худро таъмин намоянд. Хусусан ин ба онҳое хос аст, ки на он қадар сарватманданд ва мақдуниён маҳз чунин одамон буданд. Пули онҳо он қадар ҳам зиёд набуд. Ва ба ҳар ҳол *шодии* масеҳиёна он қадар онҳоро пур карда буд, ки, дар бораи муҳтоҷии муқаддасон дар Уршалим хабардор шуда, онҳо ба тарзи муқаррарии амал тағйирот дароварданд ва меҳрубонона он чиро, ки доштанд, ба ҳам диданд. Онҳо *сахтӣ, шодӣ, бенавоӣ ва саховатро* пайваста тавонистанд.

**8,3** Саховатмандии онҳо бо дигар ҷиҳатҳои махсус низ фарқ мекард. Онҳо на танҳо он чиро, ки *ба андозаи қувваташон* буд, балки онро ҳам, ки *берун аз қувваташон* буд, медоданд. Онҳо *сахӣ* буданд, яъне осон, бе маҷбурият, бе розикуниҳо ва илтимосҳо медоданд.

**8,4** Онҳо чунон устувор буданд, ки ҳатто аз Павлус оид ба шарафи иштирок дар сабук кардани тақдири муқаддасони уршалимӣ илтимос намуданд. Эҳтимол, расул дар ин вақт чӣ қадар бенаво будани худи онҳоро медонист, ва ба қабул кардани атои онҳо шитоб намекард. Лекин онҳо ҷавоби «не»-ро қабул намекарданд. Онҳо мехостанд, ки ба онҳо имконияти ато карданро диҳанд.

**8,5** Шояд, Павлус танҳо интизор буд ё *умед дошт,* ки онҳо чун дигар одамон рафтор мекунанд: аввал бо дили нохоҳам медиҳанд ва баъд дар зери фишори боз ҳам зиёд андозаи аторо зиёд мекунанд. Лекин мақдуниён чунин нестанд! Ин маҳбубони масеҳӣ, *аввалан,* атои аз ҳама бузургро доданд – *худро.* Баъд аллакай додани пул барои онҳо осон буд. Вақте Павлус мегӯяд, ки *худро пешкаш карданд, аввалан ба Худованд ва баъд ба мо низ мувофиқи хости Худо,* вай фақат дар назар дорад, ки онҳо аввал ҳаёти худро пурра ба Масеҳ бахшиданд ва баъд бо омодагӣ худро ба Павлус бахшиданд ба он маъное ки дар маблағҷамъкунӣ барои Уршалим иштирок кардан мехостанд. Онҳо

аслан ба Павлус гуфтанд: «Мо худамонро ба Худованд бахшидем ва акнун худро ба ту мебахшем, чун ба маъмур аз номи Ӯ. Ба мо бигӯ, чӣ кор кунем, зеро ки ту расули Масеҳи Худованди мо мебошӣ».

*«Маблағгузориҳо ба кори Худованд»,* мегӯяд Ҷ. Кемпбел Морган, *«танҳо ҳамон вақт арзиш доранд, ки аз тарафи онҳое ки худашонро ба Худо бахшидаанд, ато шудаанд».*

**8,6** Расул аз намунаи макдуниён он қадар рӯҳбаланд гардидааст, ки мехоҳад, то қуринтиён низ ба он пайравӣ намоянд. Ва бинобар ин вай мегӯяд, ки *аз Титус хоҳиш намуд,* то *вай* ин кори дар Қуринтус саркардаи ӯро *ба анҷом расонад.* Ба ибораи дигар, вақте Титус бори аввал ба Қуринтус омад, вай аллакай масъалаи ҷамъ кардани хайротро бардошта буд. Акнун, вақте ки вай бармегардад, ба вай дастуруламал дода шудааст, то бинад, ки чӣ тавр ниятҳои нек ба *амал* табдил меёбанд.

**8,7** Азбаски қуринтиён дар бисёр ҷиҳатҳо ин қадар хубанд (онҳо дар ҳақиқат чунин ҳам буданд), Павлус мехоҳад, ки онҳо дар ато кардан ҳам корнамоӣ нишон диҳанд. Вай онҳоро барои фаровонии *имон, калом, дониш, ҳар гуна ҷидду ҷаҳд* (кӯшишу ғайрат) ва *муҳаббат* ба вай таъриф менамояд. Дар Номаи аввал Павлус онҳоро барои дониш ва сухан таъриф карда буд. Дар ин ҷо дар натиҷаи ташрифи Титус вай баъзе некӯкориҳои дигарро илова мекунад.

*Имон* метавонад имон ба Масеҳ, атои имон ё садоқат дар муносибатҳои онҳо бо наздиконро ифода кунад.

*Калом,* бешак, ба маҳорати онҳо дар истифодаи забонҳо дахл дорад ин мавзуъ дар номаи аввал ҷои муҳимро ишғол менамояд.

*Дониш* ба бахшоиши муносиби Рӯҳ, ё ба вусъати фаҳмиши ҳақиқатҳои Худо дахл дошта метавонад.

*Ҳар гуна ҷидду ҷаҳд* ғайрат ва саъю кӯшиши онҳоро дар корҳои Худо тасвир менамояд.

Ва, ниҳоят, *муҳаббати* онҳо ба Павлус дар ин ҷо чун лоиқи таъриф хотиррасон карда мешавад. Акнун бошад Павлус ба ин рӯйхат боз як калима илова кардан мехост: саховатмандӣ.

Деннӣ бар зидди одаме ки шавқи рӯҳониаш фаровон аст, боэҳтимом ва меҳрубон аст ва қобилияти бисёр дуо гуфтан ва дар ҷамоат сухан гуфтан дорад, лекин дар айни ҳол қобилияти аз пулҳои худ ҷудо шуданро надорад, пешакӣ меогоҳонад.[38]

**8,8** Павлус бо оҳанги қатъии қонунбарор фармон намедиҳад. Не, вай мехоҳад, ки *самимияти муҳаббати* онҳоро, махсусан дар партави хоҳиши гарму ҷӯшон ва ҷиддияти дар ин кор нишондодаи масеҳиёни макдунӣ санҷад. Вақте ки Павлус тасдиқ менамояд, ки инро *ба таври фармон намегӯяд,* вай дар назар надорад, ки суханони вай илҳоми илоҳӣ надоранд. Вай танҳо мехоҳад гӯяд, ки аз сидқи дил додан лозим аст, зеро ки «Худо одамеро, ки ихтиёран медиҳад, дӯст медорад»

**8,9** Расул Павлус маҳз ҳозир яке аз беҳтарин оятҳои ин номаи боҳашаматро илова менамояд. Дар заминаи вазъиятҳои камаҳамияти ҳаёт дар Макдуния ва Қуринтус вай сурати аҷоиби Одами аз ҳама саховатманди дар рӯи замин зиндагӣ кардаро тасвир менамояд.

Калимаи *«файз»* дар Аҳди Нав ба тарзи гуногун кор фармуда мешавад, лекин бехато гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо вай атои саховатмандонаро ифода мекунад. Худованд Исо то чӣ андоза саховатманд буд? Чандон, ки ҳамаи дороии Худро баҳри мо дод, *то ки* мо абадан *ба воситаи бенавоии Ӯ сарватманд шавем.*

Мурҳед тавзеҳ медиҳад:

*Вай бо моликият, қудрат, эҳтиром, мушоракат, бахти Худ сарватманд буд. Вале вай дар ҳолат, шароит, муносибатҳо бо одамон бенаво гашт. Моро ба садақа кардани каме пул, либос, хӯрок розӣ мекунонанд. Вай бошад Худро дод.*[39]

Ин оят мавҷудияти ҷовидонии Худованд Исоро таълим медиҳад. Вай дар кадом замон *сарватманд* буд? Албатта, на он замоне ки ба ҷаҳон чун Кӯдаки байтлаҳмӣ омад! Ва албатта, на дар давоми сӣ соли мусофират чун бегонаи бехонумон дар ҷаҳоне ки бо дасти худи Ӯ офарида шуда буд. Ӯ дар абадияти гузашта, бо Падари Худ дар осмон зиндагӣ карда, сарватманд буд. Лекин *Ӯ бенаво шуд.* Ин на танҳо ба Байт-Лаҳм, балки ба Носира, Ҷатсамонӣ, Ҷабто ва Ҷолҷолто ҳам дахл дорад. Ва ҳамаи ин баҳри мо буд, то ки мо *ба воситаи бенавоии Ӯ сарватдор шавем.*

Агар ин рост бошад (ва ин, бешубҳа, рост аст), пас мо бо шодии бузургтарин ҳама чизеро, ки ҳастем ва ҳар он чи дорем, бояд ба Ӯ диҳем. Далеле қавитар аз он чидар байни

суҳбат оид ба атои масеҳӣ оварда шудааст, нест.

### Б. Маслиҳати нек дар хусуси ба итмом расонидани маблағҷамъкунӣ (8,10-11)

**8,10** Алҳол расул бо андешаҳо оид ба қуринтиён бармегардад. Онҳо дар бораи маблағҷамъкунӣ барои муқаддасони бенаво пеш аз он ки ба кардани ин кор мақдуниён қарор доданд, фикр карда буданд. Дар амал қуринтиён пеш аз он ки мақдуниён ҷамъ овардани пулро сар карданд, ба кардани ин кор шуруъ намуданд. Акнун, барои собитқадам будан, онҳо он чиро, ки *аз соли гузашта* шуруъ карда буданд, бояд ба охир расонанд. Ва ин ба манфиати онҳо хоҳад буд, зеро ки самимият ва собитқадамии онҳоро исбот менамояд.

**8,11** Сабаби таъхир ҳар чизе ки бошад, Павлус ба онҳо мегӯяд, ки бояд аз он қатъи назар кунанд ва он чиро, ки онҳо *бо ҷидду ҷаҳд орзу мекарданд, ба амал оваранд.* Онҳо мувофиқи имкониятҳои худ бояд қурбонӣ кунанд, на мувофиқи он чи дар оянда мехостанд кунанд, агар дороии онҳо зиёд гардад.

### В. Се присипи хуби саховатмандӣ (8,12-15)

**8,12** Аз афти кор, қуринтиён маблағҷамъкуниро барои муқаддасони муҳтоҷи Уршалим мавқуф гузоштанд, ба умеде ки баъдтар зиёдтар фиристода метавонанд. Лекин дар ин ҷо ба онҳо хотиррасон менамоянд, ки масъала на дар он аст, ки онҳо чӣ қадар фиристода метавонанд. Агар дар ҳақиқат дар дили онҳо хоҳиши иштирок дар ин кори нек бошад, пас Худо атои онҳоро қабул мекунад, ҳар қадар он он кам бошад ҳам. Муносибати дил аҳамият дорад.

**8,13** Мақсади Павлус на дар он аст, ки вазъияти моддии қуринтиёнро бад кунад. Вай чунин меҳисобад, ки талаб карда намешавад, ки ба ҷамоати Уршалим *сабук* афтад, ба ҷамоати Қуринтус бошад – *гарон афтад.*

**8,14** Дар ин оят барномаи Худо оид ба сабук намудани эҳтиёҷ дар ҷамоатҳои Худованд Исои Масеҳ тасвир карда мешавад. Мақсади Худованд дар он аст, ки ҳангоме дар як вилоят масеҳиён муҳтоҷӣ мекашанд, воситаҳо аз дигар вилоятҳо ба он ҷое ки онҳо лозиманд, фиристода шаванд. Ин ҷараёни доимӣ ва мубодилаи воситаҳо ба *баробарӣ* дар байни ҷамоатҳо дар тамоми ҷаҳон оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар он вақте ки Павлус номаи худро менавишт, воситаҳо аз Қуринт, Мақдуния ва дигар ҷойҳо бояд ба Уршалим меомаданд. Лекин, шояд, муқаддасони Уршалим дар оянда хуб таъмин карда хоҳанд шуд, дар ҳоле ки дар Қуринтус баъзе *камиҳо* ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҳолат ҷараёни воситаҳои молиявӣ бояд ба ақиб баргардонида шаванд. Дар ин оят Павлус ана ҳаминро дар назар дорад. Алҳол дар Уршалим ба пул муҳтоҷанд, лекин дар оянда ин дар Қуринтус ба вуқуъ омада метавонад ва он гоҳ ба онҳо дигарон ёрӣ медиҳанд.

**8,15** Ин принсипи баробарӣ бо иқтибос аз Хуруҷ 16,18 таъкид карда мешавад. Вақте ки банӣ Исроил барои ғундоштани манн баромаданд, якеашон нисбат ба дигарон зиёдтар ғундошта метавонистанд. Лекин ин аҳамият надошт. Вақте ки маннро таксим мекарданд, ба ҳар кас тахминан миқдори баробар мерасид: як ӯмар, ё тақрибан дуву ним литр. Барои ҳамин ҳам *«касе ки бисёр ҷамъ карда буд, зиёдатӣ надошт, ва касе ки кам ҷамъ карда буд, камӣ надошт».* Агар ягон кас ба захира кардани манн мекӯшид, дар он кирмҳо пайдо мешуданд!

Баробарӣ на бо муъҷиза ва на бо ҷоду ба амал меомад. Вай ба туфайли он ба даст оварда мешуд, ки шахсоне ки хеле зиёд ҷамъ карда буданд, аз он ба онҳое ки кам доштанд, медоданд. Ҳоҷ мегӯяд:

*Дарси ибрате ки дар китоби Хуруҷ ва аз тарафи Павлус дода шудааст, аз ин иборат аст: дар байни халқи Худо фаровонии яке камии дигаронро бояд пур кунад ва ҳар гуна кӯшиши таҳриф кардани ин қонун ба бадномӣ ва зарар оварда мерасонад. Моликият ба манн монанд аст: вай ба захира кардан бардошт намедиҳад.*[40]

Ба ин мисраъҳо иқтибос аз сарчашмаи номуайян аз ҷиҳати маъно наздик аст:

*Худо мехоҳад, ки ба ҳар кас ҳиссае аз неъматҳои ҳаётӣ расад. Баъзеҳо зиёд, баъзеҳо кам ҷамъ мекунанд. Касоне ки зиёд доранд, бо касоне ки кам доранд, бояд аз он бидиҳанд. Худо тақсимоти нобаробари моликиятро на барои он иҷозат медиҳад, ки сарватмандон аз он*

*худбинона лаззат баранд, балки барои он ки аз он ба бенавоён бидиҳанд.*

### Ғ. Се бародари неки ба ҷамъкунии ёрдами молиявӣ фиристодашуда (8,16-24)

**8,16** Дар ду ояти баъдина Павлус *Титусро* барои муносибати хуби вай ба ин кор таъриф менамояд. Аввалан, расул *ба Худо,* ки *дар дили Титус чунин ҷидду ҷаҳдро барои* Қуринтиён *ҷо* додааст, шукргузорӣ менамояд. Павлус дар ҳамсафи худ рӯҳи меҳрубононаро ошкор намуд. Титус бахри қуринтиён *ҳамон гуна* гарониро мебардошт, чунон ки худи вай.

**8,17** Павлус бо ин Нома ба Қуринтус рафтани Титусро хоҳиш менамояд, лекин илтимосҳо лозим набуданд. Худи вай *бо ихтиёри худ* рафтан мехост.

Суханони *«сӯи шумо равона шуд»,* шояд, «вай ба назди шумо рафтанист»-ро ифода мекунанд. Инро замони феъл, ки дар нома истифода шудааст, тасдиқ менамояд – аорист, ки на замони нома навиштани Павлусро ифода мекунад, балки он замонеро, ки Қуринтиён онро мехонанд. Шубҳае нест, ки маҳз Титус ин номаро ба Қуринтус бурд. Вай то он даме ки Павлус номаро ба охир нарасонид, ба он ҷо нарафт.

**8,18** Дар оятҳои 18-22 ду бародарон-масеҳиёни дигар тасвир карда мешаванд, ки онҳо ба Титус дар ин кор ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Дар бораи бародари аввал дар оятҳои 18-21 ва дар бораи дуюмӣ дар ояти 22 гуфта шудааст. Номи ҳар дуи онҳо гуфта нашудааст.

Ин ҷой дар Навиштаи Муқаддас бо он муҳим аст, ки чораҳои эҳтиётии Павлусро дар ҷамъоварии воситаҳои пулӣ нишон медиҳад, то ки ҳеҷ кас вайро дар истифодаи нодурусти пул айбдор карда натавонад.

Дар бораи *бародари* якум гуфта шудааст, ки вай *барои башорат* лоиқи таҳсин аст. Дар хусуси он ки кӣ дар назар дошта шудааст, ихтилофи ақидаҳо ҳаст. Баъзеҳо Луқо, дигарон Сило, сеюмиҳо Трофимус меҳисобанд. Лекин, мумкин аст, ки ба фаҳмидани кӣ будани ин кӯшида, мо рӯҳияи умумии порчаро аз назар дур мекунем. Оё он тасодуфист, ки ном гуфта нашудааст? Пайравии ҳақиқӣ бисёр вақт номаълум мемонад. Бо духтарчаи хурдакак низ чунин буд, ки вай дар тақдири Наамон, бемори махавӣ, чунин нақши бузург бозид. Бо писарчаи хурдакак низ чунин буд, ки вай хӯроки худро ба ихтиёри Худованд Исо дод.

**8,19** Ин бародари номбарнашуда *аз ҷониби ҷамоатҳо интихоб шуда буд,* то ки бахри ин *кори хайр* ба роҳ барояд. Ба ибораи дигар, вайро яке аз он касоне таъйин намуданд, ки бояд ин туҳфаи аз таҳти дил додашударо бурда расонад. Расул вай ва дигаронро хизматгузорон, ё иҷрокунандагони ин хизмати наҷиб меҳисобид. Онҳо онро *барои ҷалоли* Худи Худованд мекарданд ва мехостанд, ки хоҳиши гарму ҷӯшон ва ҷиддии ба муқаддасони бенавои Уршалим хизмат кардани худро маълум созанд.

**8,20** Расул хеле хирадманд буд ва бо ин пулҳо дар танҳоӣ сарукор намегирифт, ё онҳоро ба ягон одам дар танҳоӣ боварӣ карда намесупурд. Вай исрор мекард, ки онҳо дар дасти гурӯҳе аз ду-се нафар ё зиёда аз он бошанд. Ҳар гуна имконияти тасаввуротҳои нодуруст ё бухтонҳоро пешгирӣ кардан хоста, вай ҳама корро кард, то ки муомилот бо *ин ҳадияи фаровон* ҳеҷ гуна каҷфаҳмиҳо ба вуҷуд наоварад.

**8,21** *«Мо кӯшиш мекунем кори некро ба ҷо оварем»,* яъне муътақид будан лозим аст, ки ҳама кор аз рӯи виҷдон карда мешавад. Павлус барои он ғамхорӣ мекард, ки амалҳои вай на танҳо *пеши Худованд,* балки *пеши мардум* низ бовиҷдонона бошанд. Морган қайд менамояд: *«Уҳдадории ҷамоати масеҳӣ – корҳои худро чунон бурдан аст, ки одамони дунявӣ сабабе надошта бошанд, то дар онҳо ягон чизи беадолатонаро гумонбар шаванд».*[41]

Воқеан, ин оят тахминан ҳамон хел садо медиҳад, ки Масалҳо 3,3.4 дар Септуагинта гуфта шудааст.

**8,22** Дар ин ҷо *бародари* номаълуми дигар ёдоварӣ карда мешавад, ки вайро Павлус дар ин кори муҳим ёрдамчӣ таъйин карда буд. *Ҷидду ҷаҳди* ӯро *дар бисёр чизҳо борҳо санҷидаем* ва алҳол вай нисбат ба ин вазифаи муайян аз рӯи *эътимоди бузург* ба Қуринтиён ҷидду ҷаҳди махсус зоҳир намуд.

Дар баъзе тарҷумаҳо баъд аз суханони *«эътимоди бузург»* суханони *«ки мо ба шумо дорем»* гуфта шудааст, лекин аксарият *«ки ӯ ба шумо дорад»-ро* афзал медонанд. Он гоҳ чунин мебарояд, ки Павлус вайро на танҳо барои садоқати дар гузашта зоҳирнамуда, балки

барои шавқи воқеӣ дар ин кор, ки он *бо эътимоди вай* ба қуринтиён ба вуҷуд омадааст, таъриф менамояд.

**8,23** Инак, Павлус мегӯяд, ки агар ягон кас ба ин се кас таваҷҷуҳ намояд, пас қуринтиён гуфта метавонанд, ки *Титус рафиқ ва ҳамкори* Павлус дар қуринтиён аст, ва ду *бародари* дигар *фиристодагони ҷамоатҳо ва ҷалоли Масеҳ* мебошанд. Ифодаи *«ҷалоли Масеҳ»,* албатта, тасвири олии ин одамон мебошад. Онҳо дар ин ҷо барои он чунин номида шудаанд, ки *ҷамоатҳоро* намояндагӣ мекунанд. Ба туфайли ҷидду ҷаҳди онҳо кори Худованд дар пеши чашми одамон шуълавар мегардад. Онҳо таҳсин ба Худованд ва ҷалоли Ӯро инъикос менамоянд.

**8,24** Қуринтиён ҳамаи инро дар назар дошта, бояд онҳоро хуб пазироӣ намоянд ва таърифи Павлусро тасдиқ карда, ба бародарони фиристодашуда атои саховатмандонаро барои муқаддасони Уршалим боварӣ карда супоранд. Ин *исботи* муҳаббати масеҳии онҳо *ба ҷамоатҳои* атроф хоҳад буд. Филлипс ин оятро чунин тарҷума мекунад: «Бинобар ин бигзор онҳо ва тамоми ҷамоатҳои атроф бинанд, ки муҳаббати шумо чӣ гуна самимист ва бигзор ҳамаи он чизи хубе ки мо дар бораи шумо гуфтем, тасдиқ гардад!»

### Ғ. Павлус қуринтиёнро ба сазовори таҳсин шудан даъват менамояд (9,1-5)

**9,1** Зарур набуд, ки Павлус ба қуринтиён оид ба ёрии пулӣ ба *муқаддасони* муҳтоҷ *нависад* ва ба ҳар ҳол вай кардани инро давом медиҳад. Эҳтимол, дар ин оят як қадар киноя ҳаст. Ҳақиқатан, ба ин маънӣ лозим ҳам набуд, ки вай ба онҳо нависад. Онҳо аз аввал ба иштирок дар маблағҷамъкунӣ барои Уршалим омодагӣ зоҳир намуданд. Агар сухан дар бораи хоҳиши онҳо равад, онҳо сазовори таърифанд. Лекин онҳо ниятҳои ибтидоии худро иҷро накарданд. Ана барои чӣ вай дар бораи *зиёдатӣ* дуру дароз гап заданро зарур меҳисобад.

**9,2** Дар *ҷидду ҷаҳди* онҳо вай шубҳа намекунад. Аз он замоне ки бори аввал ин масъала бардошта шуд, онҳо *дилгармӣ* ва ҷиддият зоҳир намуданд. Павлус дар ҳақиқат бо онҳо дар назди масеҳиёни Мақдуния фахр мекард. Вай ба онҳо мегуфт, ки *Охоия аз соли гузашта тайёр шудааст. Охоия,* қисми ҷанубии Юнон, дар ин ҷо барои ишора ба Қуринтус истифода мешавад, зеро Қуринтус дар ин вилоят ҷойгир буд. Вақте *мақдуниён* шуниданд, ки масеҳиёни Қуринтус аз соли гузашта тайёранд, ин бисёрии онҳоро (мақдуниёнро) *барангехтааст;* онҳо ба рӯҳи атои масеҳӣ ҳавас пайдо карданд ва қарор доданд худро аз сидқи дил ба вай диҳанд.

**9,3** Ҳангоме Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки *бародаронро фиристодам,* вай ҳақиқатан дар назар дорад, ки онҳоро мефиристад. Ин ҳодиса на аз нуқтаи назари нависанда, балки аз нуқтаи назари хонанда дар замони гузашта тасвир шудааст. *Бародарон* се шахси дар боби пешина ёдоваршуда мебошанд: Титус ва ду масеҳии номбарнашуда. Онҳо фиристода шуданд, то мулоҳизаҳои таърифии Павлус оид ба қуринтиён, ки ба маблағҷамъкунӣ дахл доранд, беҳуда набошанд. Вазифаи се бародарон аз ин иборат буд: муътақид шудан, ки вақти омадани Павлус маблағҷамъкунӣ ба охир мерасад.

**9,4** Вақте ки расул аз Мақдуния ба ҷануб, ба Қуринтус равона мешавад, эҳтимол, дар роҳ ба вай яке аз масеҳиёни мақдунӣ ҳамроҳӣ хоҳад кард. Ба расул Павлус чӣ хел шармовар хоҳад буд, агар баъд аз фахр намудани вай аз қуринтиён, вай яке аз *мақдуниёнро* оварад ва *ёбад,* ки қуринтиён аслан барои ато ба Уршалим ҳеҷ коре накардаанд! Дар ин ҳол боварии Павлус ба қуринтиён шармсор карда мешавад, бе зикри он ки саҳлангории қуринтиён барои худи онҳо чӣ гуна бадномӣ мешавад.

Филлипс ин оятро чунин тарҷума мекунад:

*Ва барои он ки дар байни мо чунин нашавад, ки ягон кас аз мақдуниён, ба назди шумо ба ман ҳамроҳӣ намуда, дарёбад, ки шумо ба саховатмандӣ зоҳир намудан тайёр нестед! Ба мо (намегӯям, ки «шумо») маҳз барои он ки мо ин қадар фахр мекардем ва ба шумо боварӣ доштем, аз ҳад берун шармовар хоҳад буд.*

**9,5** Павлус маҳз барои ҳамин *лозим донист* пеш аз рафтани худ аз ин се *бародарон илтимос кунад,* ки ба Қуринтус раванд. Онҳо барои муқаддасони уршалимӣ *хайроти ваъдагиро пешакӣ* муҳайё мекунанд.

*То ки ҳамчун хайроте тайёр бошад, на ҳамчун хироҷе.* Ҳатто андешае иҷозат дода намешавад, ки ин воситаҳои молиявиро аз онҳо

бо зӯрӣ хоҳанд ситонд; баръакс, маблағҷамъкунӣ бояд зоҳиршавии саховат, *хайрот,* қурбонӣ бо ихтиёри шахсии онҳо гардад.

### Д. Мукофоти хуб барои саховатмандӣ (9,6-15)

**9,6** Дар оятҳои 6-15 расул Павлус баъзе мукофотҳои аҷоиб ва имтиёзҳоро барои саховатмандии масеҳӣ як-як номбар менамояд. Аввалан, вай қонуни ҳосилро баён менамояд. Дар кишоварзӣ хеле хуб маълум аст, ки барои гирифтани ҳосили саховатмандона тухмиро саховатмандона коштан лозим аст. Шояд, кишоварз тайёр аст тухмиро дар замин кишт кунад. Оё вай бояд фаровон корад ё як қисми дони тухмиро барои хӯрок дар моҳҳои дар пеш истода истифода барад? Ақида дар ин ҷо чунин аст: агар вай *фаровон корад,* пас мувофиқи он ки чӣ хел *мекорад, дарав мекунад.*

Дар бораи кишоварзӣ сухан ронда, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки кишоварз расо ҳамон миқдор ғалла, ки кошта буд, намедаравад, балки якчанд маротиба зиёдтар. Айнан ҳамин хел бо атои масеҳӣ ҳам: баргашта на он чиро, ки дод, балки хеле зиёдтар аз додааш мегирад. Албатта, дар бадал аз пул дида бештар баракатҳои рӯҳонӣ ба даст меоянд.

**9,7** *Ҳар кас* бояд *мувофиқи хости дилаш диҳад.* Одам бояд андеша намояд, ки ҳамин лаҳза барои талаботҳои шахсии вай чӣ лозим аст. Вай бояд дар бораи уҳдадориҳои ҳуқуқӣ андешад, ки дар рафти ҳаёти рӯзмарра иҷро карданаш лозим аст. Лекин, ба ғайр аз ин, вай бояд дар бораи эҳтиёҷи бародарон-масеҳиёни худ ва дар бораи ҳуқуқҳои Масеҳ ба худи вай андеша намояд. Ҳамаи инро ба эътибор гирифта, вай *на бо ғамгинӣ ва на ба таври маҷбурӣ* бояд диҳад. Додан ва дар айни ҳол афсӯс хӯрдан мумкин аст. Дар зери фишори даъватҳои пуртаъсир ё сарзаниши оммавӣ додан мумкин аст. Ҳеҷ яке аз ин ба кор намеояд. *Худо он касро дӯст медорад, ки бо хушӣ медиҳад.*

Оё ба Худо дар ҳақиқат пулҳои мо лозиманд? Не, ба Ӯ дар ҳазорҳо кӯҳҳо чорво тааллуқ дорад, ва агар ба Ӯ ягон чиз лозим мебуд, Ӯ ба мо намегуфт (Заб. 49,10-12). Барои Ӯ хости дили мо муҳим аст. Вай дидани масеҳиёнеро дӯст медорад, ки он қадар саршори шодии Худovанданд, ки тайёранд дороии худро бо ҳам бинанд.

Худо он касро дӯст медорад, ки *бо хушӣ медиҳад*, зеро чунон ки Ҷоветт мегӯяд:

*Атои ихтиёрӣ аз муҳаббат тавлид меёбад ва бинобар ин маънои онро дорад, ки дӯстдоранда дӯстдорандаро дӯст медорад ва аз робита шод мешавад. Ато кардан – ин аст забони муҳаббат; аслан, дар он забони дигар нест. «Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Худро дод ...» Худи ҳаёти муҳаббат аз он иборат аст, то ки худро диҳад. Ягона фахри дороии он шодии таслимшавист. Агар муҳаббат ҳамаро дошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол он ҳеҷ чизро доро нест.*[42]

**9,8** Дар ин ҷо ваъда дода шудааст, ки агар одам дар ҳақиқат саховатманд будан хоҳад, Худо ба вай барои ин имконият медиҳад. *Файз* дар ин ҷо чун муродифи калимаи «доройӣ» кор фармуда мешавад. *Худо қодир аст* ба мо доройӣ диҳад, то ки мо на танҳо худамон *қонеъ* бошем, балки дороии худро бо дигарон ба ҳам бинем ва ба ҳамин тариқ *барои ҳар кори хайр афзун бошем.*

Ба он таваҷҷуҳ намоед, ки дар ин ҷо чанд маротиба «ҳар гуна», «ҳамеша» ва «ҳар» гуфта мешавад: ҳар гуна файз, ҳамеша (яъне ҳар вақт), аз ҳар ҷиҳат, ба қадри кофӣ қонеъ, ҳар кори хайр.

**9,9** Расул дар ин ҷо Забур 111,9-ро иқтибос меоварад. Ифодаи *«тақсим кардааст»* ба коштани тухмӣ дахл дорад. Оят одамеро тасвир менамояд, ки дар коштани тухмӣ, ё, аниқтар карда гӯем, дар корҳои нек саховатманд буд. Зоҳиршавии аниқи некии вай он буд, ки вай ба *мискинон* таксим карда додааст. Оё вай ин корро карда бой дод? Не! *Росткории Ӯ то абад пойдор аст.* Яъне, агар мо некиро чунон ки коранда тухмӣ мепошад, корем, мо барои худ дар осмонҳо ганҷ хоҳем ғундошт. Натиҷаи некии мо *то абад пойдор* хоҳад буд.

**9,10** Қиёс бо *коранда* давом мекунад. Худи ҳамон Худо, ки Ӯ *ба коранда тухмӣ ва нон барои хӯрдан* медиҳад, чунон мекунад, ки шахси ба дигарон некӣ зоҳиркарда ягон хел мукофот хоҳад гирифт. Баъзе аз мукофотҳо номбар карда мешаванд. Пеш аз ҳама, Ӯ *кишти шуморо фаровон мекунад.* Яъне Ӯ ба фарзандони Худ имконияти бузург ва натиҷаи боз фаровонтари зоҳиршавии некиро медиҳад. Баъд, Ӯ *самарҳои росткории шуморо мерӯёнад.*

Қуринтиён, ба муқаддасони Уршалим қурбонӣ дода, росткорона рафтор мекарданд. Дар натиҷаи чунин қурбонӣ онҳо самари мукофоти ҷовидониро ба даст меоваранд. Агар Худо қобилияти додани онҳоро афзуда бошад, онҳо ҳам саховатмандии худро афзуданд, пас мукофот ҳам мувофиқан зиёд мешавад.

**9,11** Аз ин оят комилан равшан бармеояд, ки одам ба Худо дода, худро ҳеҷ гоҳ бенаво намекунад. Аниқтараш, ҳар як кори нек боиси аксуламал мегардад, мукофот бошад аз андозаи ато бениҳоят зиёд мешавад. Ба ҳамин тариқ, Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки масеҳиён, ато карда, *дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат сарватманд* хоҳанд шуд, то ки онро дар оянда ҳам зоҳир созанд. Дар файзи ато афзоиш ёфтани қуринтиёнро мушоҳида намуда ва дида, онҳо, расулон *Худоро* шукргузорӣ хоҳанд кард.

**9,12** Вақте ки атои Қуринтус дар Уршалим ба кор андохта мешавад, вай на танҳо *норасоии муқаддасонро* пур мекунад, балки ба он оварда мерасонад, ки одамони зиёд *ба Худо* шукргузорӣ хоҳанд кард. Мо аллакай чандин бор дидем, ки Павлус *шукргузориро* чӣ гуна махсус таъкид менамояд. Ҳамаи он чи ба баланд бардоштани шукргузорӣ ба Худованд оварда мерасонад, дар пеши назари Павлус аҳамияти бузург дорад.

**9,13** Атои қуринтиён неъматҳои дигарро ҳам меоварад. Барои масеҳиёни яҳудӣ вай исботи равшани он мегардад, ки дар ҳаёти ғайрияҳудиёни масеҳӣ дар ҳақиқат кори Масеҳ зоҳир гаштааст. Як муддате масеҳиёни яҳудӣ ҳақиқатан ҳам аз қуринтиён барин масеҳиён шубҳа доштанд. Эҳтимол, онҳоро масеҳиёни комил намеҳисобиданд. Лекин ин некӣ ба онҳо таҷрибаи бузург зоҳир мекард, далели ҳақиқӣ будани имони қуринтиён мегашт ва онҳо барои он чи *Инҷили* Масеҳ дар Охоия кард ва барои он атои саховатмандонаи самимӣ, ки онҳо гирифтанд, *Худоро ҳамду сано мехонанд.*

**9,14** Лекин ин ҳам ҳамааш нест! Боз ду неъмат ҳаст. Атои қуринтиёнро гирифта, масеҳиёни яҳудии Уршалим аз ин пас барои муқаддасони қуринтӣ бо ҷидду ҷаҳд дуо хоҳанд кард, ин бошад ба устувории дилбастагӣ мусоидат мекунад. Ба шарофати *файзи фаровони Худо,* ки аз тарафи қуринтиён зоҳир гашт, муқаддасони уршалимӣ ба онҳо моил хоҳанд шуд.

**9,15** Дар ин ҷо Павлус беихтиёрона нидо мебарорад! Ин оят барои аксари тадқиқотчиёни Навиштаи Муқаддас муаммост. Онҳо байни ин ва он чи пеш гуфта шуда буд, алоқаи зич намебинанд. Ба онҳо нофаҳмост, ки *атои васфнопазираш* гуфта, Павлус чиро дар назар дорад.

Лекин ба мо чунин менамояд, ки ҳангоме расул Павлус муҳокимаронииҳоро оид ба ато кардани масеҳӣ ба охир мерасонад, вай дар бораи яке аз бузургтарин атокунандагон – дар бораи Худи *Худо* фикр накарда наметавонад. Вай дар бораи яке аз бузургтарин *ато* – Худованд Исои Масеҳ низ фикр мекунад. Ва бинобар ин вай бародарони қуринтии худро дар ин оҳанги баланд мегузорад. Онҳо фарзандони Худо ва пайравони Масеҳанд. Бигзор онҳо ба ин намунаҳои сазовор пайравӣ намоянд!

## III. ПАВЛУС РАСУЛ БУДАНИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕНАМОЯД (Б. 10–13)

Дар чор боби охирини ин нома Павлус, асосан, расул будани худро ҳимоя менамояд. Зоҳиран, барои тасвири ин фасл аз ҳама бештар суханони расул Петрус мувофиқ аст: «... ки дар онҳо баъзе чизҳо душворфаҳм аст». Бешубҳа, Павлус ба айбномаҳои бар зидди вай пешниҳодкардаи душманон ҷавоб медиҳад, лекин мо худамон, ҷавобҳои Павлусро омӯхта, бояд дар бораи он хулоса барорем, ки онҳо чӣ гуна айбномаҳо буданд. Дар ин фасл расул зуд-зуд бо киноя сухан меронад. Душворӣ дар фаҳмидани он аст, ки маҳз кай вай инро мекунад.

Аммо ин қисми пурқимати Каломи Худо ҳамчунин сазовори омӯзиш аст ва, албатта, бе он мо хеле бенавотар мебудем.

### А. Павлус ба айбдоркунандагони худ ҷавоб медиҳад (10,1-12)

**10,1** Дар оятҳои 1-6 расул ба онҳое ҷавоб медиҳад, ки ӯро дар истифодаи усулҳои одамони даҳрӣ айбдор мекарданд.

Аввалан, вай худро одӣ муаррифӣ менамояд: *Лекин ман, Павлус*. Дуввум, вай аз муқаддасон хоҳиш менамояд, на ин ки чун ҳукмфармо амал мекунад. Сеюм, вай даъвати худро дар *нармдилӣ ва меҳрубонии Масеҳ*

асоснок мекунад. Албатта, вай дар бораи рӯҳи Худованд Исо фикр мекунад, вақте ки Ӯ дар замин Одам буд. Дар воқеъ, ин яке аз камтарин мавридҳоест, ки Павлус ҳаёти заминии Наҷотдиҳандаро зикр мекунад. Одатан расул дар бораи Масеҳ чун дар бораи болобардоршуда, ҷалолёфта, дар ямини Худо нишаста сухан меронад.

Худро тасвир намуда, Павлус мегӯяд: *«... ки шахсан дар миёни шумо хоксорам, вале ғоибона бар шумо ҷасорат дорам ...»* Ин аниқ бо киноя гуфта шудааст. Танқидкунандагони Павлус мегуфтанд, ки якҷоя бо одамон Павлус беҷуръат буд, *ғоибона* бошад чун шер *ҷасорат* дошт. Дар бораи ҷасорати вай, мегуфтанд онҳо, он оҳанги омиронаи номаҳои вай гувоҳӣ медиҳад.

**10,2** Ин оят бо ояти 1 алоқаманд аст. Дар он ҷо Павлус гуфта сар кард, ки қуринтиёнро даъват мекунад, лекин дар бораи мавзуи хоҳиши худ чизе нагуфтааст. Дар ин ҷо вай шарҳ медиҳад: *«Илтимос мекунам, ки маро маҷбур насозед дар омадани худ он ҷасорати қатъиро ба кор барам, ки ният дорам ба муқобили баъзе касоне нишон диҳам, ки ба гумонашон мо аз рӯи ҷисм рафтор менамоем»*. Вай намехост бо онҳо чунин ҷасур, ё сахтгир бошад, чунон ки мехост бо касоне ки ӯро дар рафтори ҷисмонӣ айбдор медонистанд, ҷасур бошад.

**10,3** Дар ин ҷо ғоя аз он иборат аст, ки ҳарчанд расулон *дар ҷисм* зиндагӣ мекунанд, онҳо *дар ҷисм* ҷанги масеҳӣ намебаранд.

**10,4** *Аслиҳаи ҷангии* масеҳӣ *ҷисмонӣ нест*. Масеҳиён, Хушхабарро дар ҷаҳон паҳн намуда, масалан, аз шамшер, таппонча ё стратегияи ҷангҳои ҳозиразамон истифода намебаранд. Лекин ин ҳоло на ҳама аслиҳаи ҷисмонист, ки дар бораи он расул мегӯяд. Масеҳӣ барои расидан ба мақсадҳои худ аз сарват, ҷалол, қудрат, маҳорати суханварӣ ё чолокӣ истифода намебарад.

Балки вай аз он усулҳое истифода мебарад, ки онҳо *назди Худо тавоност барои хароб кардани қалъаҳо*. Имон ба Худои зинда, дуо ва фармонбардорӣ ба Каломи Худо аслиҳаи таъсирбахши ҳар як ҷанговари ҳақиқии Исои Масеҳ мебошад. Маҳз бо онҳо *қалъаҳо* хароб карда мешаванд.

**10,5** Дар ин оят шарҳ дода мешавад, ки дар зери мафҳуми «қалъаҳо» дар ояти 4 чӣ дар назар дошта шудааст.

Павлус худро ҷанговаре меҳисобид, ки бар зидди муҳокимаҳои баландгирона ва *ақидаҳои* ба ҳақиқат мухолифаткунандаи одамон меҷангад. Хусусиятҳои ҳақиқии ин *ақидаҳо* бо ифодаи «ки *зидди дониши Худо бармехезад*» тасвир шудааст. Алҳол ин ба муҳокимаҳои олимон, тарафдорони эволютсия (назарияи таҳаввулот), файласуфон, илоҳиётшиносон ва арбобони динӣ қобили татбиқ аст, ки онҳо барои Худо дар лавҳаи тартиботи ҷаҳони худ ҷо намеёбанд. Расул майл надошт бо онҳо сулҳи муваққатӣ бандад. Вай, аниқтараш, *ба итоати Масеҳ* овардани *ҳар фикрро* ҳақ меҳисобид. Дар бораи тамоми таълимотҳо ва ғояҳои одамӣ дар партави таълимоти Худованд Исои Масеҳ ҳукм кардан лозим аст. Павлус аслан муҳокимаҳои одамиро маҳкум намекунад, лекин меогоҳонад, то мо ақлро ба беэътиноӣ нисбати Худо ва ба Ӯ беитоатӣ нишон додан одат накунонем.

**10,6** Чун ҷанговари Масеҳ расул тайёр буд *ҳар беитоатиро ҷазо диҳад, вақте ки* қуринтиён пеш аз ҳама *итоати* худро ба ҷо оваранд. То даме ки вай аввалан дар *итоати* масеҳиён дар ҳама чиз муътақид нашавад, нияти амал кардан бар зидди муаллимони дурӯғин надошт.

**10,7** Ҷумлаи аввал савол аст: *«оё ба намуди зоҳирӣ менигаред?»* яъне танҳо ба қиёфа. Ё, эҳтимол, ин тасдиқи факт аст: «Шумо танҳо ба чизи рӯякӣ нигоҳ мекунед». Ё фармон: «Нигаред, дар пеши чашмони шумо чист!» Ҳар се вариант дар тарҷумаҳои гуногун вомехӯранд.

Агар мо ин ҷумларо чун тасдиқ қабул намоем, аз он аён аст, ки қуринтиён майл доштанд одамро аз рӯи он ҳукм кунанд, ки оё вай қиёфаи бовиқор, суханварии таъсирбахш ё қувваи бузурги мантиқӣ дорад. Биниши зоҳирӣ ба онҳо нисбат ба ҳақиқати ботинӣ зиёдтар таъсир мекард.

*Агар касе ба худ эътимод дорад, ки ӯ аз они Масеҳ аст, бигзор низ аз худ хулоса барорад, ки чунон ки вай аз они Масеҳ аст, ончунон мо низ аз они Масеҳ ҳастем*. Эҳтимол, Павлус дар ин ҷо онҳоеро дар назар дорад, ки «Ман аз они Масеҳ ҳастам» (1Қур. 1,12) мегуфтанд, ва аз афташ, дар назар доштанд, ки боқимондагон чунин нестанд. Вай ҷавоб медиҳад, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи истисноӣ ба Масеҳ надорад. Вай ба Худованд Исо айнан ҳамон хел тааллуқ дорад, ки онҳо доранд.

Ин масеҳиёни дигаронро истиснокунанда ҳар касе ки бошанд, Павлус инкор намекунад, ки онҳо ба Масеҳ тааллуқ доранд. Бинобар ин аз эҳтимол дур аст, ки вай дар ин ҷо дар бораи расулони дурӯғин ва арбобони маккор, ки онҳо шакли расулони Масеҳро мегиранд (11,13), сухан меронда бошад. Чунин менамояд, ки дар ин нома Павлус бо ҳарифони гуногун муҳокима менамояд; баъзеи онҳо наҷот ёфтаанд, баъзеҳо бошанд не.

**10,8** Чун расули Худованд Исои Масеҳ, Павлус дар ҷамоатҳои аз тарафи вай таъсисёфта *ихтиёр* (қудрат) ба даст овард. Мақсади ин ихтиёр (қудрат) дар он аст, ки муқаддасонро дар имони муқаддастарини онҳо устувор гардонад. Муаллимони дурӯғин бошанд дар байни қуринтиён қудрату ихтиёреро, ки ҳеҷ гоҳ аз Худованд нагирифта буданд, истифода мекарданд. Зиёда аз он, онҳо аз қудрату ихтиёр чунон истифода мекарданд, ки ин, аниқтараш, муқаддасонро на устувор, балки суст мекард. Ана барои чӣ Павлус мегӯяд, ки ҳатто агар вай *аз қудрате ки Худованд додааст,* зиёдтар фахр намояд ҳам, ба вай лозим намеояд аз ин шарм дорад. Вақт нишон медиҳад, ки иддаоҳои вай дурустанд.

**10,9** Вай инро барои он гуфт, то ба назар чунин нанамояд, ки гӯё вай масеҳиёнро *бо номаҳои* худ *тарсонида истодааст.* Ба ибораи дигар, агар расул бо ихтиёри ба вай аз тарафи Худо додашуда фахр кунад, вай намехоҳад, то масеҳиён фикр кунанд, ки вай мекӯшад онҳоро тарсонад. Ин ба фоидаи мунаққидони вай мебуд. Яқинан, қуринтиён бояд дар хотир дошта бошанд, ки қудрат ба вай барои бунёдкорӣ дода шудааст ва ӯ онро ҳамин тавр истифода мебарад.

**10,10** Дар ин ҷо ба мо худи ҳамон айбномаеро, ки бар зидди расул Павлус пешниҳод шуда буд, ба гӯш кардан медиҳанд. Мунаққидон вайро дар он гуноҳкор мекарданд, ки вай *номаҳои* таҳдидкунанда менависад, дар ҳоле ки *ҳузури шахсии ӯ суст ва суханаш ночиз аст.*

**10,11** Ҳамаи пешниҳодкунандагони чунин айбнома бояд *донанд,* ки ҳангоме Павлус *шахсан* меояд, вай ҳамон хел хоҳад буд, ки вай ба онҳо *дар номаҳо* амалан менамуд. Ин онро ифода намекунад, ки Павлус дар номаҳои худ қарор дод босалобат бошад. Онҳо дар бораи вай чунин мегуфтанд. Лекин вай мегӯяд, ки бо онҳо сахтгир хоҳад буд, вақте ки бо онҳо рӯ ба рӯ вомехӯрад. Дар ӯ ҳеҷ гуна беҷуръатӣ нахоҳад буд.

**10,12** Аз афти кор, ба муаллимони дурӯғин бо дигарон муқоиса намудани худ хос буд. Онҳо Павлусро дар назди қуринтиён масхара мекарданд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки худашон дар доираи дохилӣ мебошанд. Онҳо баргузида буданд. Аз рӯи ақидаи онҳо, ҳеҷ кас худро аз тарафи номусоид нишон надода, дар ҳузури онҳо буда наметавонист. Барои ҳамин ҳам Павлус рӯйрост бо истеҳзо зикр менамояд: *«Зеро ҷуръат намекунем худро бо касони худсито баробар кунем ё муқоиса намоем: онҳое ки худро бо худ андоза мекунанд ва худро бо худ муқоиса менамоянд, хирад надоранд».* Бо он ҷасорате ки вай, мувофиқи айбнома, номаҳои худро менавишт, вай дар ин ҷо мегӯяд, ки ба қадри кофӣ боҷуръат нест, то *худро бо касони худсито муқоиса намояд,* бо онҳое ки ягона меъёрашон ҳаёти шахсиашон мебошад.

Бояд гуфт, ки агар меъёри ягона барои одам худи вай бошад, пас вай ҳамеша ҳақ аст! Ба мукаммалкунӣ ҷой нест. Шахсоне ки чунин рафтор мекунанд, *хирад надоранд.* Касе чӣ хел хуб гуфтааст: «Лаънати тамоми гурӯҳҳо ва маҳфилҳои дар худ маҳдудшуда дар он аст, ки онҳо ҳар гуна камолотро берун аз доираи худ ба назари эътибор намегиранд».

## Б. Принсипи Павлус: замини нокорамро барои Масеҳ шудгор кардан (10,13-16)

**10,13** Дар оятҳои 13-16 Павлус тасдиқ мекунад, ки танҳо *ба андозаи он ҳадди* хизмати худ, *ки Худо* барои вай муайян кардааст, нияти фахр кардан дорад. Вай ба кори дигарон дахолат накарданро ба худ қоида карда буд, ҳатто агар вай фахр кардан хоҳад. Ин ишораи кушоду равшан ба муаллимони дурӯғини яҳудӣ аст. Ба ҷамоатҳое ки аллакай расул Павлус ё ягон масеҳии дигар бунёд кардааст, ба худ роҳ кушодан ва он ҷо дар пойдеворе ки дигаре гузоштааст, сохтан барои онҳо одат буд. Фахр карда, онҳо аслан бо кори бегона фахр мекарданд.

Павлус мегӯяд, ки бо он чи берун аз *ҳадди* хизмати шахсии вай ба Масеҳ мехобад, *фахр намекунад.* Яқинан вай бо он одамон ва ҷойҳое ки Худо хизмати вайро дар он ҷо баракат дод, фахр хоҳад кард. Ба ин ҷо Қуринтус

ҳам дохил карда хоҳад шуд, зеро вай ба он ҷо бо мавъизаи Хушхабар рафта буд, ки дар натиҷаи он ҷамоат барпо гардид.

Ҳақиқатан, Павлус барои мавъизаи Хушхабар дар байни ғайрияҳудиён аз тарафи Худо фиристода шуда буд. Ин супориш, албатта, Қуринтусро ҳам дар бар мегирифт. Расулони Уршалим ба ин розӣ шуданд, лекин ҳозир аз Уршалим муаллимони дурӯғин омаданро сар карданд ва ба вилоятҳое ки Худо ба ихтиёри Павлус супурда буд, бо зӯрӣ медаромаданд.

**10,14** Расул аз ҳад зиёд фахр карданро ба худ иҷозат намедиҳад. Худо ба ихтиёри вай вилояти хизматро супурд, ки Қуринтус ҳам ба он дохил мешуд. Вай ба Қуринтус омад, Хушхабарро мавъиза кард ва ҷамоат таъсис кард. Агар вай то Қуринтус намеомад, вайро дар худситоии аз ҳад берун айбдор кардан мумкин мебуд.

Вай барои ба Қуринтиён расидан аз озмоишҳо, бадбахтиҳо ва душвориҳо гузашт. Акнун бошад дигарон ба вилояте ки вай ба он ҷо пеш аз онҳо омада буд, зада медаромаданд ва, эҳтимол, бо дастовардҳояшон худситоӣ мекарданд.

Дар яке аз тарҷумаҳои англисӣ ин оят чунин тафсир карда мешавад: «Мо дар худситоӣ аз ҳад зиёд намегузарем, чунон ки буда метавонист, агар мо ба назди шумо намеомадем, зеро мо бо Хушхабари Масеҳ то ба шумо расидем».

**10,15** Расул қатъиян қарор дод бо он чи бевосита натиҷаи хизмати худи вай ба Масеҳ набуд, фахр нанамояд. Муаллимони бардурӯғ маҳз ҳамин тавр мекарданд: онҳо бо меҳнати дигарон фахр менамуданд. Онҳо мекӯшиданд гӯсфандони Павлусро дузданд, худи ӯро бадном созанд, ба таълимоти вай мухолиф мебаромаданд ва ба худ обрӯи бардурӯғ мегирифтанд.

Павлус умед дошт, ки ҳангоме *имони* қуринтиён меафзояд ва ӯ ба пеш равона шуда метавонад, *имони* онҳо дар ёрии амалӣ ифода меёбад, ки он ба вай имконият хоҳад дод, то чун расули Худо ба дигар вилоятҳо ҳам равад. Ана ҳамин хел, хизмати худро вусъат дода, вай пай дар пай принсипҳои худро риоя хоҳад кард.

Масъалаҳои Қуринтус вақти ӯро чунон банд мекарданд, ки ин ба вай дар иҷро намудани вазифаи худ дар дигар минтақаҳо халал мерасонд.

**10,16** Принсипи ӯ аз он иборат буд, то ки *дуртар* аз қуринтиён (ки, эҳтимол, ғарби Юнон, Италия ва Испанияро ифода мекунад) *ҳам Инҷилро мавъиза намояд ва бо он чи дар ҳудуди кори дигарон муҳайё шудааст, фахр накунад.* Расул Павлус ният надошт, ки ба майдони кори дигарон зада дарояд, ё бо он чи дигарон дар ягон ҷо пеш аз омадани вай кардаанд, фахр намояд.

## В. Мақсади олии Павлус: ситоиши Худованд (10,17-18)

**10,17** Агар касе *фахр мекунад,* бояд *бо Худованд фахр кунад.* Бешубҳа, ин онро ифода мекунад, ки вай бояд танҳо бо он чи *Худованд* ба василаи ӯ кардааст, *фахр намояд.* Зоҳиран, самти асосии далеловарии расул чунин аст.

**10,18** Ниҳоят, бо худситоӣ таҳсини Худоро сазовор намешавед. Мунаққидон бояд ба чунин савол ҷавоб диҳанд: Оё шуморо Худованд таҳсин кард, хизмати шуморо чунон баракат дод, ки ба василаи он ҷонҳо наҷот ёфтанд, муқаддасон дар имон устувор гаштанд ва ҷамоатҳо барпо карда шуданд? Оё шумо ба касоне ки ба василаи мавъизаи шумо имон овардаанд, ишорат намуда исбот карда метавонед, ки аз Худо розигӣ гирифтед? Ана ҳамин муҳим аст. Павлус чунин далелҳоро мехост ва метавонист нишон диҳад, ки Худованд хизмати ӯро писандид.

Дар ин ва дар бобҳои баъдина, Павлус ба худ он чиро, ки беақлӣ меномад, иҷозат медиҳад. Вай ният дорад бо кори беақлона машғул шавад: дар бораи худ хуб гуфтан. Ва асло на барои он ки вай инро мехоҳад. Ин ба вай қатъиян маъқул набуд. Лекин вай аз қуринтиён хоҳиш менамояд, то ба он ки вай худро ба ин тариқ беақл нишон медиҳад, босаброна муносибат кунанд.

Аз афти кор, муаллимони дурӯғин худро бисёр таъриф мекарданд. Онҳо, бешубҳа, хизмати худ ва муваффақияти ҳайратовари худро бофасоҳат тасвир мекарданд. Павлус инро ҳеҷ гоҳ намекард. Вай Масеҳро мавъиза мекард, на худро.

Аз афташ, қуринтиён хизмати худситоёнаро афзал медонистанд ва бинобар ин Павлус аз онҳо иҷозати як муддат бо ҳамин кор машғул шуданро хоҳон аст.

## Г. Павлус расул будани худро тасдиқ менамояд (11,1-15)

**11,1** *Кошки беақлии маро андак бардошт кунед! Лекин маро бардошт мекунед.* Павлус мехоҳад, ки онҳо, ҳангоме вай бо худситоӣ машғул мешавад, ба вай босаброна муносибат намоянд. Лекин баъд вай ҳис мекунад, ки онҳо аллакай чунин мекунанд ва аз онҳо хоҳиш кардан лозим нест.

**11,2** Вай се сабабро далел меоварад, ки мувофиқи он бояд аз онҳо оид ба ин хоҳиш намояд. Аввалӣ аз он иборат аст, ки вай *дар ҳаққи* қуринтиён *бо рашки Худо рашк менамояд.* Вай онҳоро *ба марди ягонае номзад сохтааст, то ки чун бокираи поке ба Масеҳ пешниҳод намояд.* Павлус барои беҳбудии рӯҳонии муқаддасони қуринтӣ ҷавобгарии шахсӣ ҳис мекард. Вай мехост, ки дар рӯзи оянда, яъне дар рӯзи ба осмон бурда шудан, онҳоро бе олоиш бо худи ҳамон таълимотҳои бардурӯғе ки он замон васеъ паҳн гашта буданд, ба Худованд Исо муаррифӣ намояд. Вай дар ҳаққи онҳо рашк мекард ва бинобар ин он чиро, ки беақлӣ метофт, ба худ иҷозат дод.

**11,3** Сабаби дуюм, ки аз рӯи он Павлус худро беақл нишон медиҳад – *тарси* вай аст, ки муқаддасон метавонанд фиреб хӯранд, *афкори* онҳо бошад *вайрон шуда, аз самимият* ва покии садоқат ба Масеҳ *рӯ тобад. Самимият* дар ин ҷо софдилиро ифода мекунад. Вай мехост, ки қуринтиён танҳо ба як худи Худованд Исо содиқ бошанд ва ба ягон каси дигар ба тарафи худ кашидани дилбастагии онҳоро роҳ надиҳанд. Вай онро низ мехост, ки онҳо дар садоқати худ ба Худованд беолоиш бошанд.

Расул ба ёд меоварад, ки чӣ тавр *мор бо макри худ Ҳавворо фирефта намуд.* Вай ба ақл ё зеҳни ӯ муроҷиат намуда ин корро кард. Муаллимони дурӯғин дар Қуринтус ҳам маҳз ҳамин корро мекарданд. Павлус мехост, ки дили «бокираи қуринтӣ» яктарафа ва беолоиш бошад.

Таваҷҷуҳ намоед, ки Павлус ҳикоя дар бораи Ҳавво ва морро на чун асотир, балки чун факт баҳо медиҳад.

**11,4** Сабаби сеюм, ки аз рӯи он расул ба худ каме «беақлӣ» иҷозат додан мехост, дар он аст, ки қуринтиён ба гӯш кардани муаллимони дурӯғин омода буданашонро зоҳир мекарданд. Вақте ки ягон кас ба Қуринтус омада, аслан, *Исои дигареро* мавъиза намуда, на бо Рӯҳулқудс, балки бо *рӯҳи дигаре* пур шуданро пайравӣ намуда, ва *Инҷили дигареро* эълон менамуд, қуринтиён комилан бо майлу рағбат вайро таҳаммул мекарданд. Онҳо ба чунин нуқтаи назар таҳаммули меҳрубонона зоҳир менамуданд. Павлус истеҳзоомез мегӯяд: «агар шумо бо дигарон чунин рафтор намоед, пас чаро бо ман чунин рафтор намекунед?»

Суханони хотимавии *«шумо онро ба хубӣ бардошт менамоед»-ро* чун истеҳзо фаҳмидан лозим аст. Расул онро маъқул намедонад, ки онҳо бидъатро қобили қабул медонанд, балки, баръакс, онҳоро дар зудбоварӣ ва набудани фаросат сарзаниш менамояд.

**11,5** Онҳо бояд ба Павлус бо майл таҳаммул зоҳир намоянд, зеро ки ӯ *аз он* расулони *олӣ ҳеҷ камӣ надорад.* Ифодаи *«расулони олӣ»* бо истеҳзо кор фармуда мешавад. Айнан (ва ба таври ҳозиразамон!) он чун «фавқулрасул», «суперрасул» тарҷума карда мешавад.

Арбобони Реформатсия (давраи ислоҳоти масеҳӣ) ин оятро иқтибос оварда, нуқтаи назари Папаро оид ба он ки Петрус расули олӣ аст ва Папаҳо пешдастии ӯро мерос гирифтаанд, рад менамуданд.

**11,6** Гарчанде Павлус, шояд, *дар сухан моҳир* набуд, вай, албатта, *аз дониш* маҳрум набуд. Ин бояд барои қуринтиён аён бошад, зеро онҳо маҳз аз расул *дониши* имони масеҳии худро гирифтанд. Павлус дар суханварӣ ҳар гуна камбудӣ дошта бошад ҳам, вай, аз афташ, бо муқаддасони қуринтӣ чунон гуфтугузор карда тавонист, ки онҳо вайро фаҳмиданд. Худи онҳо бояд инро тасдиқ мекарданд.

**11,7** Агар чунин муносибати манфии қуринтиён на аз боиси сухангӯии нобуррои вай бошад, пас, шояд, вай онҳоро *бо он* ранҷонид, *ки худро хор кард, то ки* онҳоро *сарбаланд гардонад.* Дар қисми боқимондаи оят шарҳ дода мешавад, ки вай бо ин суханон чиро дар назар дорад. Ҳангоме ки расул дар байни қуринтиён буд, вай аз онҳо ҳеҷ гуна ёрии пулӣ намегирифт. Эҳтимол, онҳо чунин меҳисобанд, ки вай гуноҳ кард, зеро чунин ҷои хоксоронаро ишғол намуд, то онҳо ҷои баландтареро ишғол карда тавонанд.

**11,8** *Ман ҷамоатҳои дигарро бо гирифтани музд ғорат кардам.* Ё: «Ман боиси харҷи ҷамоатҳои дигар гардидам». Чунин шакли

нутқ муболиға – муҳобот номида мешавад, ки он бояд ба ақл таъсири пурқувват расонад. Павлус, албатта, дар назар надорад, ки вай айнан ҷамоатҳои дигарро ғорат кард; ин фақат онро ифода мекунад, ки дар Қуринтус ба Худованд хизмат намуда, вай аз *ҷамоатҳои дигар* ёрии пулӣ мегирифт, то аз қуринтиён ҳеҷ гуна музд нагирифта, барояшон хизмат кунад.

**11,9** Расул Павлус ҳақиқатан ҳангоми дар Қуринтус будан баъзан *муҳтоҷӣ мекашид.* Оё вай дар бораи мухтоҷии худ ба қуринтиён гуфт, оё вай ба он исрор мекард, ки онҳо ба вай ёрӣ диҳанд? Албатта, не. *Норасоии* моддии вайро *бародароне ки аз Мақдуния омаданд, пур карданд.*

Расул бо ҳама воситаҳои имконпазир *худдорӣ менамуд, то* ба қуринтиён *гаронӣ накунад* ва минбаъд ҳам ният дошт чунин рафтор намояд. Вай исрор намекард, ки аз рӯи ҳуқуқи худ чун расул аз қуринтиён ғамхорӣ талаб намояд.

**11,10** Павлус азми қавӣ дорад ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳад, ки *ин фахрро дар кишварҳои Охоия,* ки дар он ҷо Қуринтус ҷойгир аст, аз вай кашида гирад. Вай, бешубҳа, дар ин ҷо оид ба мунаққидони худ сухан меронад, ки онҳо таҳаммули вайро чун далел бар зидди вай истифода бурданд. Онҳо мегуфтанд, гӯё вай ба гирифтани ёрии пулӣ аз он сабаб исрор намекунад, ки расули ҳақиқӣ набудани худро медонад (1Қур. 9). Ба айбномаҳои аз тарафи душманонаш баровардашуда нигоҳ накарда, вай минбаъд ҳам бо он фахр хоҳад кард, ки аз қуринтиён ҳеҷ гуна пул нагирифта, ба онҳо хизмат кард.

**11,11** *Аз чӣ сабаб* вай чунин фахр хоҳад кард? *Оё аз он сабаб,* ки қуринтиёнро дӯст намедорад? *Худо медонад,* ки ин чунин нест. Дили вай пур аз дилбастагии аз ҳама амиқ ба онҳо буд. Зоҳиран, расулро, ҳар коре ки вай кунад, барои ҳама чиз танқид мекарданд. Агар вай аз қуринтиён пул мегирифт, мухолифони вай мегуфтанд, ки вай танҳо аз рӯи хоҳишҳои тамаъкорона мавъиза мекард. Вай аз онҳо пул намегирифт ва бо ин худро ба зери айбдоркуние гузошт, ки гӯё вай онҳоро *дӯст намедорад.* Лекин *Худо медонад,* ки дар ин кор ростӣ дар куҷост ва ин ба Павлус кофист.

**11,12** Зоҳиран равшан аст, ки пайравони яҳудия аз қуринтиён пул интизор буданд ва талаб мекарданд ва низ онро мегирифтанд. Чун аксари мавъизагарони мазҳабҳо, агар ба онҳо барои хизмат музд намедоданд, онҳо хизмат намекарданд. Павлус нияти қатъӣ дорад, ки *он чи мекунад, боз ҳам хоҳад кард* – давом додани сиёсати нагирифтани пул аз масеҳиёни қуринтӣ. Агар муаллимони дурӯғин бо вай дар фахр мусобиқа кардан хоҳанд, пас онҳо бояд ба қоидаҳои вай пайравӣ намоянд. Лекин вай медонад, ки онҳо ҳеҷ гоҳ бо хизмати бе мукофоти пулӣ фахр карда наметавонанд. Ба ҳамин тариқ, вай онҳоро аз мояи фахр кардан маҳрум менамояд.

**11,13** Мулоҳизаи ҳақиқии Павлус дар бораи ин одамон, ки дар ин нома то ин дам нигоҳ дошта мешуд, ниҳоят ошкор мегардад. Вай дигар худро боздошта наметавонад! Вай бояд онҳоро бо исми хос номбар кунад. *Онҳо расулони дурӯғин ва коргузорони фиребгар ҳастанд* ба он маъное ки Худованд Исо ба онҳо ҳеҷ гуна вазифа насупурда буд. Онҳо ё худашон ин вазифаро ба худ гирифтанд, ё инро одамони дигар карданд. Онҳо *коргузорони фиребгаранд;* усулҳое ки онҳо истифода бурда, аз як ҷамоат ба ҷамоати дигар гузашта, тарафдорони таълимоти бардурӯғи худро ба даст меоваранд, чунин тасвир карда мешаванд. Онҳо *шакли расулони Масеҳро мегирифтанд,* худро намояндагони Ӯ тасвир мекарданд. Павлус як зарра ҳам хоҳиши бо чунин одамон дар як сатҳ истодан надорад.

Гуфтаҳои расул дар бораи ин муаллимони яҳудия оид ба муаллимони дурӯғини ҳозира низ дурустанд. «Бадӣ, чунон ки ҳамаи мо медонем, ҳеҷ гоҳ моро аз роҳ баровардa наметавонист, агар мо онро чунон ки ҳаст, медидем; қувваи он дар ниқобпӯшист; вай ба он ғоя ва умедҳои одам, ки дар онҳо мо ҳеҷ чизи бадро намебинем, дахл мекунад».

**11,14** Расул худи ҳозир гуфт, ки мунаққидони қуринтии вай шакли расулони Масеҳро мегирифтанд. Лекин вай аз ин ҳайрон намешавад, вақте оид ба тактикаи хоҷаи онҳо фикр мекунад: *Ва ин аҷиб нест: зеро ки худи шайтон шакли фариштаи нурро мегирад.*

Дар рӯзҳои мо шайтонро зуд-зуд чун махлуқи сиёҳи думдор ва шохдори бадшакл тасвир менамоянд. Лекин, албатта, вай дар назди одамон чунин зоҳир намешавад.

Дигарон, дар бораи шайтон фикр карда, вайро майпарасти бечораи дар ҷӯй дар қисми бадтарини шаҳр ғелида хобида тасаввур

менамоянд. Лекин ин тасаввурот ҳам дар бораи намуди ҳақиқии шайтон нодуруст аст.

Оят ба мо мегӯяд, ки вай либоси *фариштаи нурро* мепӯшад. Гуфтаҳоро бо мисолҳо фаҳмонда, зикр кардан мумкин аст, ки вай намуди хизматгузори Хушхабарро қабул мекунад, либосҳои динӣ мепӯшад ва дар назди минбари ҷамоати машҳур меистад. Вай дар нутқаш калимаҳои диниро чун «Худо», «Исо» ва «Навиштаи Муқаддас» истифода мебарад. Лекин вай шунавандагони худро гумроҳ мекунад, онҳоро таълим медиҳад, ки наҷотро бо амалҳои нек ё дастовардҳои одам сазовор шудан мумкин аст. Вай наҷот бо хуни Масеҳро мавъиза намекунад.

**11,15** Ҷ. Н. Дарбӣ боре гуфта буд, ки шайтон ҳамон вақт аз ҳама бадкортар мешавад, ки дар дасти вай Навиштаи Муқаддас бошад. Ин ақида дар ояти 15 ҳаст. Агар худи шайтон риёкорӣ кунад, табиист, ки фиристодагони вай худи ҳамон корро мекунанд. Онҳо худро кӣ вонамуд мекунанд? Муаллимони дурӯғин? Бедин? Бутпараст? Не. Онҳо худро *хизматгузорони ростӣ* вонамуд мекунанд. Онҳо худро *хизматгузорони* дин муаррифӣ мекунанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки гӯё одамонро бо роҳи *ростӣ* ва *ҳақиқат* мебаранд, лекин онҳоро шайтон фиристодааст.

*Оқибаташон аз рӯи корҳояшон мешавад.* Онҳо вайрон мекунанд ва вайрон хоҳанд шуд. Амалҳои онҳо одамонро ба ҳалокат мебарад, лекин худи онҳо ҳам ба лаънати абадӣ хоҳанд омад.

### Ғ. Азобҳои Павлус бахри Масеҳ расул будани вайро тасдиқ менамоянд (11,16-32)

**11,16** Ҳамаи инро гуфта, Павлус умед дорад, ки ҳеҷ кас вайро худсито ё *беақл намеҳисобад.* Лекин агар онҳо ба ин исрор намоянд, бигзор вайро *чун беақл қабул кунанд, то ки* вай *ҳам андаке фахр намояд.*

Ба ин «*ҳам*» дар охири оят таваҷҷуҳ намоед: *то ки ман ҳам андаке фахр намоям.* Ин пайвандак дар ин ҷо хеле муҳим аст. Муаллимони дурӯғин хеле зиёд фахр мекарданд. Павлус, аслан, мегӯяд: «Ҳатто *агар* шумо ба ман чун ба *беақл* нигоҳ кунед ҳам (агарчи ман чунин нестам), ҳамон вақт *маро* чунин *қабул намоед,* то ман *андаке фахр карда* тавонам, чунон ки дигарон фахр мекунанд».

**11,17** Ин оятро ду хел маънидод кардан мумкин аст. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки он чи Павлус дар ин ҷо гуфтааст, ҳарчанд дар ҳақиқат илҳоми илоҳӣ дорад, аз ҷониби *Худованд* ба вай фармуда нашуда буд.

Мувофиқи маънидоди дигар, он чи Павлус дар ин ҷо мекунад – *фахр кардан – на аз ҷониби Худованд аст* ба он маъное ки ба намунаи Худованд пайравӣ намекунад. Худованд Исо ҳеҷ гоҳ фахр намекард.

Зоҳиран, Филлипс дар тарҷумаи худ тарафдори нуқтаи назари якум аст: «Ман на чунон сухан мегӯям, ки Худо мефармояд, балки чун беақле ки вай бояд аз кори фахр воқиф бошад».

Лекин мо маънидоди дуюмро афзал медонем: ки *фахр* (худситоӣ) *на аз ҷониби Худованд* аст ва рафтори Павлус беақлона менамояд, ҳангоме вай бо худситоӣ машғул аст. Райрӣ шарҳ медиҳад: *«аз рӯи суханони вай, вай ба худ инро (фахрро) бар акси майлҳои табиии худ бояд иҷозат медод, то ки таваҷҷуҳи онҳоро ба баъзе далелҳои муҳим ҷалб намояд».*[43]

**11,18** Қуринтиён ба қарибӣ аз онҳое ки ба табиати вайроншудаи инсонӣ пайравӣ намуда бо худситоӣ машғул буданд, бисёр чизҳоро шуниданд. Агар қуринтиён чунин меҳисобиданд, ки муаллимони дурӯғин сабабҳои кофӣ барои фахр намудан доштанд, бигзор онҳо худситоии ӯро ҳам ба эътибор гиранд ва бинанд, ки оё он беасос аст.

**11,19** Павлус аз нав ба истеҳзо рӯ меоварад. Онҳо ҳар рӯз бо дигарон ҳамон тавре рафтор менамуданд, ки Павлус бо вай чунон рафтор карданро хоҳиш намуда буд. Онҳо худро хеле боақл меҳисобиданд, то ки ба беақлӣ бовар кунанд, лекин маҳз ҳамин бо онҳо рӯй дод, чунон ки вай баъд шарҳ медиҳад.

**11,20** Онҳо бо омодагӣ ин гуна одамонро *бардошт менамуданд.*

Пас одами дар ин ҷо тасвиргардида кист? Аз он чи дар поён бармеояд, аён аст: ин муаллими дини яҳудӣ, расули дурӯғин буд, ки қуринтиён туъмаи он гардиданд. Аввал, вай онҳоро *ғулом гардонид.* Дар ин ҷо, бешубҳа, дар бораи ғуломи шариат будан гуфта мешавад (Аъм. 15,10). Вай таълим медод, ки имон ба Масеҳ барои наҷот кифоя нест ва одамон боз шариати Мусоро бояд риоя намоянд.

Дуюм, вай ҳаққи муқаддасонро ба он маъно *мехӯрд,* ки ба онҳо талаботҳои пулии вазнинро арз мекард. Вай ба онҳо на аз баҳри муҳаббат, балки аз баҳри мукофоти пулӣ хизмат мекард.

Ифодаи *«ғорат кунад»,* ё «ба шумо дом гузорад», маҷоз аз соҳаи шикор ё моҳигирӣ мебошад. Муаллими дурӯғин мекӯшид ин одамонро туъмаи худ кунад ва ба он ҷое ки худаш мехост, гирифта мебурд.

Ба чунин одамон мағрурона ва худситоёна аз ҳад зиёд баланд гирифтани худ хос буд. Дигаронро танқид намуда, онҳо мекӯшиданд ҳамеша худро дар пеши дигарон нағз нишон диҳанд.

Ва, ниҳоят, онҳо масеҳиёнро *торсакӣ заданд* – таҳқири сахт! Дар бораи он андешидан ҳам лозим нест, оё инро айнан фаҳмидан меарзад ё не, зеро дар давоми асрҳо диндорони мағрур дар ҳақиқат қавми ҷамоати худро мезаданд ва ба ҳамин тариқ обрӯи худро устувор мекарданд.

Расул аз он ҳайрон аст, ки қуринтиён чунин муносибати таҳқиромезро аз тарафи ин муаллимони дурӯғин бо майлу рағбат *бардошт мекарданд* ва дар айни ҳол огоҳинидани бомуҳаббат ва насиҳатҳои вайро бардошт намудан намехостанд.

Дарбӣ изҳор менамояд: *«Ҳайратовар аст, ки одамон тайёранд аз ҷониби он чи ҳақиқат нест, ба бисёр чизҳо тоб оваранд – хеле зиёдтар аз он ки онҳо ба хотири ҳақиқат бардошт менамоянд».*[44]

**11,21** Баъзеҳо тахмин менамоянд, ки дар ин оят Павлус мегӯяд: «Ман худро ба хиҷолат мононда мегӯям, ки, ҳангоме шахсан дар байни шумо будам, ман заиф будам ва метарсидам эътибори худро чунон ки ин одамон мекунанд, ҳамон хел собит намоям».

Тахмини дигар дар бораи маънои оят чунин аст: «Ман инро гуфта, худро беқадр мекунам, зеро агар ин қувва бошад, пас ман заиф будам». Тарҷумаи Филлипс ба нуқтаи назари охирин мувофиқат мекунад: «Эътироф намудани он ки ҳеҷ гоҳ нисбат ба шумо ба ҳамин монанд амали далерона ва тавонoро раво надида будам, бароям қариб шармовар аст».

Павлус мегӯяд, ки агар дар рафтори муаллимони дурӯғин қувваи ҳақиқӣ зоҳир мегардид, пас вай *бо хиҷолат* бояд гӯяд, ки ҳеҷ гоҳ чунин қувваро зоҳир намекард, балки, аниқтараш, заифӣ зоҳир мекард. Лекин вай дарҳол илова менамояд, ки агар онҳо *ҷуръат* ҳам *мекарданд дар чизе* фахр намоянд, пас вай низ худи ҳамон ҳуқуқро дорад. Моффатт инро бо чунин суханон хуб баён менамояд: «Бигзор онҳо чунон ки мехоҳанд фахр намоянд, ман ба онҳо баробар ҳастам (дар хотир доред, ин нақши беақл, аҳмақ аст!)». Павлус бо чунин сарсухан, ҳуқуқи хизматгузори ҳақиқии Худованд Исои Масеҳ номида шудани худро исбот намуда, яке аз ҷойҳои боазаматтарини ин номаро шурӯъ мекунад.

Шумо дар ёд доред, ки дар ҷамоати Қуринтус масъалаеро ба миён гузошта буданд, ки оё Павлус расули ҳақиқӣ буд ё не. Вай чӣ гуна далели даъвати илоҳии худро пешниҳод карда метавонист? Вай чӣ гуна исбот карда метавонист, то онҳоро қонеъ намояд, ки, масалан, вай ба ҳар яке аз дувоздаҳ расул баробар аст?

Ҷавоби вай тайёр аст, лекин, зоҳиран, тамоман на он гуна аст, ки мо интизор буда метавонистем. Вай диплом дар бораи хатми семинарияро нишон намедиҳад. Номаҳои расмии аз тарафи бародарони уршалимӣ имзошударо нишон намедиҳад, ки дар он ҷо тасдиқ шуда бошад, ки ин корро ба вай онҳо супоридаанд; вай комёбиҳои шахсии худро нишон намедиҳад, дар бораи донишҳо сухан намеронад. Ба ҷои ин вай ҳодисаи изтиробангези уқубатҳоро нақл менамояд, ки онро вай дар хизматгузории башорат аз сар гузаронид. Бигзор таъсирбахшӣ ва рӯҳбаландии ин қисми Номаи дуввум ба Қуринтиён аз назари шумо дур намонад. Павлуси нотарсро ба худ тасаввур намоед, ки замин ва баҳрро миёнбур карда мегузарад, муҳаббати Масеҳ водоркунандаи ӯст, ва ӯ омодаи аз сар гузаронидани мусибатҳои тасвирнопазир муттасил шитоб менамояд, то одамоне ки Хушхабари Масеҳро нашунидаанд, ҳалок нашаванд. Аз эҳтимол дур аст, ки мо ин оятҳоро бе изтироби амиқ ва хиҷолати бузургтарин хонда тавонем.

**11,22** Муаллимони дурӯғин аслу насаби яҳудии худро баланд мегузоштанд. Онҳо худро *ибронии* асили аз Исроил баромада, *насли Иброҳим* эълон менамуданд. Онҳо то ба ҳол гумроҳона гумон доштанд, ки шаҷараи оилавӣ ба онҳо дар назари Худо афзалият медиҳад. Онҳо намефаҳмиданд, ки акнун Худо халқи қадимаи Худ, Исроилро як тараф гузошт, зеро он Масеҳро рад кард. Онҳо намефаҳмиданд,

ки барои Худо байни яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ фарқ нест: ҳама гуноҳкоранд ва ба ҳама наҷот аз рӯи имон ба як худи Масеҳ лозим аст.

Дар ин бобат фахр кардани онҳо бефоида аст. Насаби онҳо барояшон дар назди Павлус ҳеҷ гуна афзалият намедиҳад, зеро ки вай низ ибрӣ, исроилӣ, *насли Иброҳим* аст. Лекин на ин вайро расули Масеҳ мекунад. Ва бинобар ин вай мешитобад ба қисми асосии далеловарии худ гузарад: дар як бобат онҳо аз вай бартарӣ дошта наметавонистанд – дар душвориҳо ва уқубатҳо.

**11,23** Онҳо аз рӯи касб *хизматгузорони Масеҳ мебошанд,* вай бошад хизматгузор «дар садоқат, меҳнат ва уқубат» мебошад. Расул Павлус ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонист, ки вай пайрави Наҷотдиҳандаи уқубаткашанда мебошад. Вай мефаҳмид, ки ғулом аз хоҷаи худ боло нест ва расул интизори муносибате буда наметавонад, ки аз муносибати ҷаҳон ба Хоҷаи вай беҳтар бошад. Павлус чунин меҳисобад, ки ҳар қадар вай ба Масеҳ садоқатмандонатар хизмат намояд ва ба Наҷотдиҳанда монанд шудан гирад, ҳамон қадар зиёдтар аз дасти одамизод уқубат хоҳад кашид. Барои вай уқубат аломат, ё тамғаи хизматгузори Масеҳ буд. Ҳарчанд вай чунин меҳисобид, ки ҳангоме ба худ фахр мекунад, *беақл* аст, вай бояд ҳақиқатро мегуфт. Ҳақиқат аз он иборат буд, ки муаллимони дурӯғин бо уқубатҳои худ фарқ намекарданд. Онҳо роҳи осонро интихоб намуданд. Онҳо аз бадномӣ, таъқибот ва беобрӯӣ дурӣ меҷустанд. Бинобар ин Павлус чунин меҳисобид, ки онҳо мавқеи беҳтареро ишғол намекунанд, то ки ба вай чун ба хизматгузори Масеҳ ҳамла оваранд.

Биёед ба он номгӯи душвориҳо, ки Павлус барои исботи даъвои ҳақиқати расул будани худ меоварад, назар андозем.

*Дар заҳматҳо бештар.* Вай дар бораи сафарҳои миссионерии худ, сафари кишварҳо дар тамоми Баҳри Миёназамин бо мавъизаи Масеҳ фикр мекунад.

*Дар зери зарбаҳо аз андоза берун.* Дар ин ҷо вай зарбу латҳои аз дасти душманони Масеҳ ҳам аз ғайрияҳудиён, ҳам аз яҳудиён дидаашро тасвир менамояд.

*Дар зиндонҳо бештар.* Дар Навиштаи Муқаддас танҳо дар бораи яке аз ин ҳодисаҳо дар ҳаёти Павлус нақл карда мешавад, вақте ки вайро ба зиндон андохтанд: дар Амалҳо 16,23, вақте ки вай ва Силоро ба зиндони Филиппӣ партофтанд. Ҳозир мо мефаҳмем, ки ин танҳо яке аз бисёр ҳодисаҳо буд ва Павлус чӣ будани зиндонро на аз рӯи шунид медонист.

*Дар чанголи марг борҳо.* Бешубҳа, ҳангоме расул инро менавишт, вай ба ёд меовард, ки чӣ тавр дар Лустра базӯр аз марг наҷот ёфт (Аъм. 14,19). Лекин вай ҳамчунин ҳодисаҳои дигари ба ин монандро ба ёд оварда метавонист, вақте ки вай аз сабаби таъқибот қариб ки аз ҳаёт маҳрум мегашт.

**11,24** Шариати Мусо ба яҳудиён зиёда аз чил зарба заданро ба як бор манъ мекард (Так. Шар. 25,3). Яҳудиён, барои вайрон накардани шариат, одатан танҳо сию нӯҳ зарба мезаданд. Албатта, танҳо ҳамон вақт чунин буд, ки гуноҳи одамро хеле бузург меҳисобиданд. Расул Павлус дар ин ҷо ба мо нақл менамояд, ки халқи ба ҳасби ҷисм наздик ва аз они худӣ дар *панҷ* вазъияти гуногун вайро ба андозаи пурра ҷазо дод.

**11,25** *Се бор маро калтаккорӣ карданд.* Дар Аҳди Нав танҳо яке аз ин ҳодисаҳо дар Филиппӣ, ёдовар карда мешавад (Аъм. 16,22). Лекин Павлус боз ду бор аз чунин дард ва таҳқир уқубат кашида буд.

*Як бор сангсор карданд*. Бешубҳа, ин дар бораи ҳодисаи аллакай ёдоваршудаи мо дар Лустра гуфта шудааст (Аъм. 14,19). Павлус чунон сахт сангсор карда шуда буд, ки вайро мурда ҳисобида, ҷисмашро берун аз шаҳр кашола карда баровfamiliar бароварданд.

*Се бор киштии ман ғарқ шуд.* На ҳама озмоишҳои Павлус аз одамон мебаромаданд. Баъзан ӯ чун шохаи дарахт дар офатҳои табиӣ партофта мешуд. То ба мо ягон маълумот дар бораи ҳеҷ яке аз ғарқшавиҳои киштиҳои дар ин ҷо ёдоваршуда омада нарасидааст (ғарқшавӣ дар роҳ ба Рум, ки дар бораи он дар Амалҳо 27 сухан меравад, баъдтар ба вуқӯъ омад).

*Як шабонарӯзро дар баҳр гузаронидам.* Боз аз нав, дар Амалҳо дар бораи ҳеҷ чизе ки он ба мо ҷавоб дода тавонад, гуфта намешавад. Калимаи «баҳр» дар матни аслӣ вуҷуд надорад ва аз тарафи тарҷумонон пешниҳод карда шуда буд, бинобар ин дар бораи чуқурии зиндони зеризаминӣ ё дар бораи баҳр сухан рафта метавонад. Агар баҳр дар назар дошта шуда бошад, пас оё Павлус амад ё қаиқи кушодае дошт? Агар надошт ва ӯ дар об буд, пас вай

фақат ба шарофати дахолати рӯйрости муъҷизаноки Худованд зинда монда метавонист.

**11,26** *Борҳо дар сафарҳо будам.* Агар ба харитаҳое ки баъзан дар охири Навиштаи Муқаддас чоп мешаванд, рӯ оварда шавад, дар байни онҳо харитаи «Сафарҳои миссионерии расул Павлус»-ро ёфтан мумкин аст. Хатти сайри сафарҳои ӯро назорат карда ва чӣ андоза сода будани нақлиётро дар он вақт андешида, маънои ин ифодаро боз ҳам амиқтар фаҳмидан мумкин аст!

Баъд Павлус ҳашт хатари гуногунро, ки вай ба онҳо дучор гашта буд, як-як номбар менамояд. Инҳо *хатарҳои дарёҳо* аз обхезӣ буданд. *Хатарҳо аз роҳзанон* бармеомаданд, зеро бисёр роҳҳое ки вай дар онҳо мегашт, пур аз ғоратгарон буданд. Вай бо *хатарҳо аз ҷониби қавми худ* яҳудиён ва *аз ҷониби халқҳо,* ки вай мекӯшид Хушхабарро ба онҳо расонад, рӯ ба рӯ мегашт. *Хатарҳо дар шаҳр,* масалан дар чунин шаҳрҳо, ба монанди Лустра, Филиппӣ, Қуринтус ва Эфесус буданд. Вай бо *хатарҳо дар биёбон,* зоҳиран, дар ноҳияҳои камаҳолии Осиёи Хурд ва Аврупо вомехӯрд. Ба вай *хатарҳо дар баҳр* таҳдид менамуданд – тӯфонҳо, сангҳои зериобӣ ва шояд, роҳзанони баҳрӣ ҳам. Ниҳоят, *хатарҳо дар миёни бародарони дурӯғин* буданд; дар ин ҷо, бешак, он шариатдонони яҳудӣ, ки шакли муаллимони масеҳиро мегирифтанд, дар назар дошта шудаанд.

**11,27** *Меҳнат* кори доимии Павлусро ифода мекунад, дар ҳоле ки *заҳмат* бо мондашавии амиқ ва азобҳо алоқаманд аст, ки аз боиси кор ба вуҷуд омадааст.

*Борҳо бе хоб.* Дар вақти сафарҳои зиёд, бешак, Павлусро лозим меомад, ки дар зери осмони кушод бихобад. Азбаски дар ҳар як қадам хатарҳо таъқиб менамуданд, ба вай лозим меомад, ки наздик шудани хатарро интизор шуда, шабҳои зиёдро бе хоб гузаронад.

*Дар гуруснагӣ ва ташнагӣ, аксар вақт дар рӯзадорӣ.* Расули бузург, ба Худованд хизмат намуда, аксар дар сафарҳо маҷбур буд гурусна ва ташна бимонад. *Рӯзадорӣ* рӯзадориҳои ихтиёриро ифода карда метавонад, лекин эҳтимоли зиёдтаре дорад, ки онҳо аз камии хӯрок ба вуҷуд омада буданд.

*Дар сармо ва дар бараҳнагӣ.* Тағйиротҳои ногаҳонии обу ҳаво ва аксар бо пойафзол бад таъмин будани вай ва ба қадри кофӣ бо либоси гарм таъмин набудан ба ноқулайиҳои ҳаёти вай ин ҳолати вазнинро ҳам илова мекарданд.

Ҳоҷ шарҳ медиҳад:

*Мо яке аз расулони бузургтаринро мебинем: тахтапушти вай бо қамчинкориҳои зиёд пора-пора карда шудааст, ҷисмаш аз гуруснагӣ, ташнагӣ ва таъсири ҳодисаҳои табиат лоғар гаштааст; хунукхӯрда ва бараҳна, аз тарафи яҳудиён ва ғайрияҳудиён таъқибшуда, аз як ҷо ба ҷои дигар бе иқоматгоҳи доимӣ сафаркунанда. Ин оятҳо беш аз оятҳои дигар ҳатто хизматгузорони боэҳтимомтарини имрӯзаи Масеҳро ба шарм доштан маҷбур месозанд. Магар онҳо ягон коре карданд ё ягон чизеро аз сар гузарониданд, ки бо он чи ин расул кард, қобили баробар шудан бошад? Донистан тасаллобахш аст, ки алҳол расул дар ҷалол ҳамчунон бартарӣ дорад, ки дар уқубатҳо бартарӣ дошт.*[45]

**11,28** *Ғайр аз чизҳои дигар,* яъне ғайр аз тамоми истисноҳо, ки ғайримуқаррарӣ буд, Павлус ҳар рӯз бори доимии ғаму ташвиши *ҳамаи ҷамоатҳои* масеҳиро мебардошт. То чӣ дараҷа муҳим аст, ки ин ташвиш нуқтаи авҷи ҳамаи озмоишҳои дигар аст! Павлус шубони ҳақиқӣ буд. Вай халқи Худоро дӯст медошт ва дар ҳаққи он ғамхорӣ менамуд. Вай на шубони кироя, балки ёрдамчии ҳақиқии Худованд Исо буд. Вай дар ин қисми Навиштаи Муқаддас мекӯшад маҳз ҳаминро исбот намояд ва, аз нуқтаи назари ҳар кадом одами бохирад, вай, албатта, инро исбот намуд. Бори ғаму ташвиши вай оид ба ҷамоатҳо мақоли англисиро ба ёд меоварад: «Таъсиси Ҷамоат дил пора кардан аст, насиҳати ҷамоат вазифаи беохир аст».

**11,29** Ин оят бо ояти пешина зич алоқаманд аст. Дар ояти 28 расул гуфта буд, ки ҳар рӯз дар бораи тамоми ҷамоатҳо ғамхорӣ менамояд. Дар ин ҷо вай мефаҳмонад, ки чиро дар назар дорад. Агар вай шунавад, ки касе аз масеҳиён *беҳол мешавад,* худи вай ҳам беҳолиро эҳсос менамояд. Вай ба азобҳои дигарон дилсӯзона муносибат мекунад. Агар вай фаҳмад, ки касе аз бародарон дар Масеҳ ранҷидааст, вай аз қаҳру ғазаб *месӯзад.* Он чи ҳаёти фарзандони Худоро ошуфта мекунад, вайро ҳам ошуфта мекунад. Вай оид ба фоҷиаи онҳо ғам мехӯрад ва вақте ки онҳо музаффар мешаванд, шод мешавад. Ҳамаи ин бошад қувваи эҳсосотии хизматгузори Масеҳро заиф мегардонад. Павлус инро чӣ хел хуб медонист!

**11,30** На муваффақият, истеъдодҳо ё қобилиятҳо, балки заъфи вай, бадномӣ ва таҳқири аз сар гузаронидаи вай моҳияти фахри вай ҳамин буд. Одатан бо ин фахр намекунанд, ин ҷалол илова намекунад.

**11,31** Дар бораи уқубатҳо ва таҳқирҳои аз сар гузаронидааш андешида, Павлус беихтиёр ба лаҳзаи зиллатовартарини ҳаёти худ бармегардад. Агар вай бо заъфи худ фахр кардан хоҳад, ҳодисаи дар Димишқ рӯйдодаро нагуфта наметавонад. Барои ҳар гуна одам бо чунин таҳқир фахр намудан чунон ғайритабиист, ки Павлус барои тасдиқи ҳаққонияти суханони худ ба Худо истинод меоварад.

**11,32** Дар бораи ин ҳодиса дар Амалҳо 9,19-25 муфассалтар нақл карда мешавад. Баъди ба Масеҳ имон овардани худ дар назди *Димишқ* Павлус мавъизаи Хушхабарро дар куништҳои ин шаҳр сар кард. Дар ибтидо мавъизаи вай шавқи ҷиддӣ ба вуҷуд овард, лекин пас аз чанд муддат яҳудиён қарор доданд ӯро кушанд. Онҳо посбононро назди дарвоза рӯзу шаб ба камин гузоштанд, *то ки* Павлусро *дастгир намоянд*. Боре шабона шогирдон расулро гирифта *ба сабаде* шинониданд ва *аз тиреза* берун аз деворҳои шаҳр ба замин фаровfarданд. Ҳамин тавр вай рафта тавонист.

Лекин чаро Павлус дар бораи ин ҳодиса ёдовар мешавад? Ҷ. Б. Вотсон тахмин менамояд:

*Вай ҳодисаеро мегирад, ки онро одамон чун хандаовар ва шармовар баҳо медоданд, ва онро чун боз як исботи он меҳисобад, ки мақсади олии ҳаёти вай хизмат ба Худованд Исо буд, ки баҳри Ӯ вай ғурури шахсиашро қурбон карда метавонист ва дар пеши назари одамон тарсончак намуда метавонист.*[46]

## Д. Ваҳйҳои Павлус расул будани ӯро тасдиқ мекунанд (12,1-10)

**12,1** Расул мехост, ки *фахр кардан* ба вай тамоман лозим наояд. Ин ба вай лоиқ нест ва *фоида надорад,* лекин дар ин вазъиятҳо зарур аст. Бинобар ин вай аз лаҳзаи пасттарин, зиллатовартарини хизматгузории худ ба баландтарин, олитарин мегузарад. Вай дар бораи мулоқоти шахсӣ бо Худи *Худованд* нақл мекунад.

**12,2** Павлус одамеро медонист, ки инро *чордаҳ сол пеш аз ин* аз сар гузаронд. Ҳарчанд Павлус номашро намегӯяд, шубҳае нест, ки вай худро дар назар дорад. Дар бораи чунин ҳодисаи олӣ сухан ронда, вай номи худро намегӯяд, балки дар бораи вай ба таври умумӣ нақл мекунад. *Шахсе* ки дар ин ҷо дар бораи вай сухан меравад, *дар Масеҳ,* яъне масеҳӣ буд.

**12,3** Павлус намедонад, оё вай дар ин вақт *дар бадан* буд *ё берун аз бадан.* Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки ин вақте ба вуқуъ омада метавонист, ки Павлусро таъқиб мекарданд, масалан дар Лустра. Онҳо мегӯянд, ки вай ҳақиқатан мурда ва ба осмон афтода метавонист. Лекин матн, албатта, чунин маънидодро талаб намекунад. Агар худи Павлус намедонист, ки вай дар ҷисм буд ё берун аз ҷисм, яъне зинда ё мурда, аҷиб мебуд, агар касе аз тафсиркунандагони ҳозиразамон ба ин масъала рӯшанӣ андохта метавонист!

Он чиз муҳим аст, ки ин одам *то осмони сеюм бурда шуд*. Дар Навиштаи Муқаддас мавҷудияти се осмон дар назар дошта мешавад. Якум – муҳите ки моро иҳота мекунад, яъне осмони кабуд. Дуюм – осмони пурситора. Ва сеюм осмони баландтарин, ки дар он ҷо тахти Худо мебошад.

Аз давоми суханони минбаъда маълум аст, ки Павлус дар худи ҳамон ҷои ҳузуру ҳаловат буд, ки ба он ҷо Худованд Исо роҳзани тавбакардаро баъд аз марги вай гирифт, дар он ҷое ки Худо зиндагӣ мекунад.

**12,4** Павлус забони *биҳиштро шунид* ва гуфтаҳоро мефаҳмид, лекин ба вай иҷозат дода нашуда буд дар вақти ба замин баргаштан чизҳои шунидаашро такрор кунад. *Суханон баённашаванда* буданд, яъне онҳо барои гуфтан аз ҳад зиёд муқаддас буданд ва бинобар ин махфӣ буданд.

Ҷ. Кемпбел Морган менависад:

*Одамоне ҳастанд, ки, зоҳиран, ташнаи сухан рондан оид ба руъёҳо ва ваҳйи худ мебошанд. Оё чунин хоҳиш исботи он намебошад, ки руъёҳо ва ваҳйи онҳо на «аз Худованд» мебошанд? Вақте ки ваҳйҳо дода мешаванд (онҳо, албатта, ба хизматгузорони Худо дар вазъиятҳои муайян дода мешаванд), онҳо хомӯшии эҳтиромона ба вуҷуд меоваранд. Онҳо аз ҳад зиёд тантананоканд, аз ҳад зиёд изтиробовар мебошанд, то осон тасвир карда шаванд ё муҳокима карда шаванд, лекин онҳо ба тамоми зиндагӣ ва хизматгузории одам таъсири намоён мерасонанд.*[47]

**12,5** Вақте ки расул бо заифиҳо фахр мекунад, барои номбар кардани худ зид нест.

Лекин вақте ки вай бо руъёҳо ва ваҳйи Худованд фахр мекунад, вай онҳоро бо худ алоқаманд намекунад, балки, аниқтараш, дар бораи ин ҳодисаҳо бешахс сухан меронад, гӯё онҳо бо як каси шиносе ба вуқуъ омадаанд. Вай инкор намекард, ки вай худи ҳамон одаме буд, ки онҳоро аз сар гузаронид, балки фақат аз рӯйрост номбар кардани худ худдорӣ мекард.

**12,6** Ҳодисаҳои зиёди дигар ҳам буданд, ки расул бо онҳо *фахр кардан* метавонист. Агар вай бо худситоӣ машғул шудан *мехост,* вай ин корро карда, *беақл намешуд*. Ҳамаи он чи вай гуфта метавонист, *рост* буд. Лекин вай ин корро кардан намехоҳад, зеро намехоҳад, *то касе* дар ҳаққи вай аз он чи дар вай мебинад ё аз вай мешунавад, зиёдтар *гумон кунад.*

**12,7** Тамоми ин порча тасвири аз ҳама аниқи ҳаёти хизматгузори Масеҳ аст. Дар он лаҳзаҳои залилии амиқ ҳаст, ба монанди ҳодиса дар Димишқ. Лаҳзаҳои олие ҳам мешаванд, ба монанди ваҳйи илҳомбахшандаи ба Павлус додашуда. Лекин одатан пас аз он ки хизматгузори Худованд аз чунин таассурот лаззат мебарад, Худованд ба вай иҷозат медиҳад аз ягон *неше дар ҷисм* азоб кашад. Дар ин ҷо маҳз ҳамин гуна тасвир шудааст.

Мо аз ин оят бисёр дарсҳои бебаҳо гирифта метавонем. Пеш аз ҳама вай исбот менамояд, ки ваҳйҳои илоҳии Худованд *ҷисми* моро ислоҳ намекунанд. Ҳатто пас аз он ки расул забони биҳиштро шунид, табиати вай ҳамон хел монд ва ба вай хатари ба доми такаббур афтодан таҳдид мекард.

Чунон ки Р. Ҷ. Рейд гуфтааст:

*«Одам дар Масеҳ», суханони тарҷуманашавандаи биҳиштиро шунида, дар ҳузури Худо дар бехатарӣ мебошад, лекин пас аз баргаштан ба вай «неше дар ҷисм» лозим аст, вагарна ҷисм бо таҷрибаи биҳиштии худ фахр хоҳад кард.*[48]

Барои Павлус *«неше дар ҷисм»* чӣ чиз буд? Танҳо як чизро аниқ гуфтан мумкин аст: ягон озмоиши ҷисмонӣ неш буд, ки онро Худо дар ҳаёти вай роҳ дод. Бешубҳа, Худованд махсус аниқ накард, ки ин маҳз чӣ гуна *неш* буд, то ки муқаддасони мондашуда ва озмоишҳои гуногунро аз сар гузаронанда дар давоми солҳо наздикии худро бо расул наздиктар эҳсос карда тавонанд, вақте ки азоб мекашанд. Эҳтимол, ин ягон бемории чашм,[49] шояд, дарди гӯш, касалии табларза, дарди сар ё ягон чизи бо нутқи Павлус алоқаманд буд. Мурҳед мегӯяд: «Табиати аниқи неш пинҳон аст, шояд барои он ки тамоми маҳзунонро рӯҳбаланд карда тавонад ва таассуроти беном, лекин дардноки Павлус ба ҳама ёрӣ дода тавонад».[50] Озмоишҳои мо аз озмоишҳои аз сар гузаронидаи Павлус фарқ карда метавонанд, лекин онҳо бояд барои мо худи ҳамон тавр дарси ибрат гарданд ва худи ҳамон самарро оваранд.

Расул *неш дар ҷисмро* чун *қосиде ки* аз тарафи *шайтон барои нихта задани* вай фиристода шудааст, тасвир менамояд. Аз як ҷиҳат ин кӯшиши ба Павлус дар кори Худованд халал расонидани шайтонро инъикос менамояд. Лекин Худо аз шайтон пурқувваттар аст; Вай аз *неш* истифода бурд, то ки Павлусро дар итоат нигоҳ дошта ба кори Худованд мусоидат намояд. Муваффақияти хизмат ба Масеҳ ба заифии хизматгузор вобаста аст. Чӣ қадар вай заифтар бошад, қувваи Масеҳ дар мавъизаи вай ҳамон қадар зиёдтар аст.

**12,8** Павлус се маротиба ба Худованд тазарруъ намуд, то ки Ӯ нешро аз вай дур кунад.

**12,9** Павлус ба дуоҳои худ ҷавоб гирифт, лекин на онеро, ки умед дошт. Аслан, Худо ба Павлус гуфт: «Ман нешро дур намекунам, балки ягон кори беҳтареро мекунам: Ман ба ту файзи ба он тоб оварданро медиҳам. Ва дар хотир дор, Павлус: Ман ба ту он чизеро, ки пурсидӣ, надода бошам ҳам, он чиро, ки ба ту аз ҳама зиёдтар лозим аст, дода истодаам. Ту мехоҳӣ, ки мавъизаи туро қудрат ва қувваи Ман ҳамроҳӣ намояд, оё ҳамин тавр нест? Воситаи беҳтарини ба ин ноил шудан – туро заиф монондан аст».

Худо дар ҷавоб ба дуои секаратаи Павлус ана ҳаминро такрор менамуд. Ва Ӯ ба уқубатҳои одамони Худ дар тамоми ҷаҳон ҳамин тавр ҷавоб медиҳад. Робита бо Писари Худо ва боварӣ ба қувва ва файзи устуворкунандаи Ӯ беҳтар аз дур кардани озмоишҳо ва уқубатҳост.

Ба суханони Худо таваҷҷуҳ намоед: *«Барои ту файзи Ман basанда аст»*. Моро лозим нест, ки аз Ӯ миқдори кофии файзро хоҳиш кунем. Он бе ҳамин ҳам кифоя аст.

Расул аз ҷавобе ки аз Худо гирифт, пурра қаноатманд аст ва бинобар ин мегӯяд: *«Ба*

*ин сабаб ман бо майли бештар аз нотавониҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад».*

Вақте ки Худованд ба Павлус ҳикмати рафтори Худро фаҳмонд, Павлус, аслан, гуфт, ки вай ягона ҳаминро мехост. Бинобар ин ба ҷои шикоят ва эътироз аз неш вай *бо майли бештар аз нотавониҳои худ фахр менамояд.* Вай ба зону меистад ва барои онҳо ба Худованд шукргузорӣ мекунад. Вай бо хурсандӣ ба онҳо тоб меоварад, агар дар ӯ қувваи Масеҳ сокин гардад. Инро Ҷ. Освалд Сандерс хеле хуб баён намудааст:

*Фалсафаи ҷаҳон мегӯяд: «Чизеро ки шифо додан мумкин нест, онро таҳаммул кардан лозим аст». Лекин Павлус бо шавқу завқ шаҳодат медиҳад: «Чизеро ки шифо додан мумкин нест, ба он шодӣ кардан мумкин аст. Ман аз нотавонӣ, озорҳо, муҳтоҷиҳо ва душвориҳо шодӣ мекунам». Ба ин андоза ҳайратангез будани файзи Худоро ошкор намуда, вай ҳар гуна имкониятҳои нави аз пуррагии вай бархурдор шуданро маъқул медонист. «Ман шодӣ мекунам ... ман ҳатто лаззат мебарам аз ин неш».*[51]

Эмма Печинска, зани асилзодаи поляк, умри дарози пур аз яъс ва барбодравии умеду орзуҳоро ба сар бурд. Ва ба ҳар ҳол ҷолиби диққат аст, ки нависандаи тарҷумаи ҳолаш ба имони тантанакардаи вай қоил шуд: «Вай аз раддияҳои Худо гулдастаи бошукӯҳ чид!»

**12,10** Албатта, аз эҳтимол дур аст, ки ягон чизеро аз номбаршудаҳо аз сар гузаронида, мо *дилшод* шавем. Лекин калид ба фаҳмиши оят дар суханони *«ба хотири Масеҳ»* мебошад. Мо баҳри Ӯ ва баҳри паҳн кардани Хушхабари Ӯ ба таҳаммул кардани он чиз бояд тайёр бошем, ки баҳри худ ё баҳри наздикони худ тоб овардан намехостем.

Маҳз нотавонӣ ва ношоямии худро дарк намуда, мо зиёда аз ҳама ба қувваи Худо умед мебандем. Ва замоне ки мо чунин ба Ӯ мутаваҷҷеҳ шуда ба Ӯ комилан умед бандем, ба мо қувваи Ӯ зоҳир карда мешавад – маҳз ҳамон вақт мо дар ҳақиқат *боқувватем.*

Вилям Вилберфорс, ки барои бекор кардани ғуломӣ дар империяи Британия мубориза мебурд, ҷисман заиф ва суст буд, лекин дорои имони амиқ ба Худо буд. Босвэлл дар бораи вай гуфтааст: «Ман дида будам, ки он касе ки харчанги хурди баҳрӣ барин менамуд, ба наҳанг табдил ёфт».

Дар ин оят Павлус ба Каломи Худованд, ки дар Матто 5,11.12 навишта шудааст, итоат мекунад. Вай ҳамон вақт ҳам шодӣ мекунад, ки одамон вайро ҳақорат медиҳанд ва меронанд.

### Е. Аломатҳои Павлус расул будани ӯро тасдиқ менамоянд (12,11-13)

**12,11** Чунин менамояд, ки Павлус аз фахр кардан монда шудааст. Вай эҳсос менамояд, ки ба ин тариқ *фахр карда то ба дараҷаи беақлӣ расид.* Вай набояд ин корро мекард, лекин қуринтиён вайро *маҷбур сохтанд.* Онҳо бояд худашон Павлусро таъриф мекарданд, вақте ки бадхоҳон ӯро бераҳмона таҳқир ва бадном мекарданд. Гарчанде вай худ ба худ *ҳеҷ аст,* лекин дар ҳеҷ бобат *аз расулони олӣ,* ки бо онҳо қуринтиён чунин фахр мекарданд, камӣ надорад.

**12,12** Павлус ба онҳо хотиррасон мекунад, ки ҳангоме вай бори аввал ба Қуринтус барои башорат додан омада буд, Худо ҳақиқӣ будани мавъизаи вайро *бо нишонаҳои расул* тасдиқ намуд. Чунин нишонаҳо муъҷизаҳо ва аломатҳои аз тарафи Худо ба расулон додашуда буданд, ки шунавандагонро муътақид карда метавонистанд, ки мавъизакунандагон дар ҳақиқат аз тарафи Худованд фиристода шудаанд.

Се калима: *«аломатҳо, муъҷизаҳо ва қувваҳо»* на шаклҳои гуногуни муъҷизаҳоро, балки ҷиҳатҳои гуногуни онҳоро тасвир менамоянд. *Аломатҳо* муъҷизаҳое мебошанд, ки маънои махсусеро дар худ доштанд, ки бо ақли одам дарк карда мешуданд. *Муъҷизаҳо* баъзе ҳодисаҳои ҳайратангезанд, ки ба ҳиссиёти одам таъсир мекунанд. *Қувваҳо* – баъзе корҳое ки бо қувваи фавқулодамӣ ба амал оварда шудаанд.

Суханони Павлус мароқоваранд, ки *нишонаҳои расул* дар назди қуринтиён «нишон дода шудаанд». Вай дар ин ҷо шакли мафъулии феълро (пассивро) истифода мебарад. Вай намекӯшад онҳоро ба худ нисбат диҳад, лекин дар бораи он мегӯяд, ки Худо онҳоро ба василаи вай ба амал овард.

**12,13** Агар сухан дар бораи муъҷизаҳо равад, пас қуринтиён дар муқоиса бо *ҷамоатҳои дигар* аз онҳо ҳеҷ камӣ надоштанд. Павлус

дар Қуринтус на камтар аз *ҷамоатҳои дигар* муъҷизаҳо меофарид. Дар бораи қуринтиён ба кадом маъно гуфтан мумкин буд: *«Дар чӣ шумо аз ҷамоатҳои дигар камӣ доред?»* Қуринтиён аз дигарон танҳо дар он фарқ мекарданд, ки Павлус ба онҳо *гаронӣ намекард*. Ин маънои онро дорад, ки вай аз онҳо ёрии пулӣ талаб намекард. Агар ин дар назари қуринтиён *камӣ* намояд, пас барои чунин *гуноҳ* Павлус аз онҳо бахшиш мепурсад. Ин аст ягона «нишона»-и расул, ки ба он вай исрор намекард!

## Ё. Павлус ба зудӣ ба Қуринтус меояд (12,14–13,1)

**12,14** *Инак, бори сеюм аст, ки ман тайёрам назди шумо биёям.* Ин суханонро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки расул *тайёр* буд се маротиба ба Қуринтус равад, лекин дар асл дар он ҷо танҳо як маротиба *буд*. Бори дуввум вай ба назди онҳо нарафт, зеро ки бо масеҳиён аз ҳад зиёд сахтгирона муомила кардан намехост. Акнун бори сеюм аст, ки вай *тайёр аст* равад, лекин ин омадани дуюм мешавад.

Лекин ин онро ҳам ифода карда метавонад, ки сухан дар бораи ташрифи *сеюм* меравад. Аввалӣ дар Амалҳо 18,1 тасвир карда шудааст. Павлус бори дуюм бо ғаму ғусса омада буд (2Қур. 2,1 ва 13,1). Акнун вай ба он ҷо *бори сеюм* рафтанист.

Павлус, вақте ки бори сеюм меояд, ба онҳо *гаронӣ кардан* намехоҳад. Бо ин суханҳо он чиз дар назар аст, ки вай аз онҳо ёрии пулӣ талаб нахоҳад кард. Вай соҳибихтиёр хоҳад буд ва худаш ба худаш ғамхорӣ хоҳад кард. Сабаби омадани вай ғамхорӣ на оид ба некӯаҳволии шахсиаш, балки оид ба худи қуринтиён хоҳад буд. Павлус бештар на ба чизҳо, балки ба одамон шавқманд буд.

Вай ба он ҷо барои он равона буд, ки ба қуринтиён ба ҷои падар бошад. *На фарзандон бояд барои падару модарони худ захира кунанд, балки падарону модарон барои фарзандон.* Ин исботи одист оид ба ҳақиқати зиндагӣ, чунон ки ҳамаи мо онро тасаввур менамоем. Дар ҳолати муқаррарии кор *падару модарон,* ба фарзандон барои хӯрок ва либос пул кор карданӣ шуда, арақи ҷабин рехта меҳнат мекунанд. *Фарзандон* бошанд одатан ин корро барои *падару модарон* намекунанд. Павлус дар ин ҷо дар бораи он сухан меронад, ки аз қуринтиён иҷозат мепурсад, то ба монанди падар ба онҳо ғамхорӣ кунад.

Дар ин ҷумла маънои иловагиро, ки дар он ҷо нест, ҷустуҷӯ кардан лозим нест. Дар ин ҷо сухан дар бораи он намеравад, ки гӯё падару модарон маҷбуранд барои фарзандони худ захираҳо ҷамъ кунанд ва ояндаи онҳоро таъмин кунанд. Дар ин ҷо умуман дар бораи оянда сухан намеравад, фақат дар бораи ҳозира. Павлус дар бораи эҳтиёҷоти зарурии худ фикр мекунад, ки ҳангоми омаданаш ба Қуринтус, ки дар он ҷо вай ба Худо хизмат хоҳад кард, дар ӯ ба вуҷуд меоянд. Вай қарор дод ба муқаддасони маҳаллӣ умед набандад. Вай дар назар надорад, ки қуринтиён дар бораи пирии осудаҳолонаи вай бояд ғамхорӣ намоянд ё вай худаш барои онҳо ягон чизи ба ин монанд бояд кунад.

**12,15** Дар пеши мо парда нимроғ шуд ва мо дар лаҳзаи кӯтоҳе тимсоли ин муҳаббати хомӯшнашавандаро дидем, ки Павлус ба халқи Худо дар Қуринтус эҳсос мекард. Вай дар ғаму ташвишҳои доимӣ дар бораи беҳбудии маънавии онҳо ва хизмати фидокорона барои ҷонҳои онҳо *бо майли тамом* тайёр буд худро сарф намояд. Вай онҳоро бо муҳаббати беинтиҳо дӯст медошт, ки муҳаббати муаллимони дурӯғини ба назди онҳо меомада бо он баробар шуда наметавонист, ҳарчанд худи вай аз қуринтиён *камтар муҳаббат* медид. Лекин ин барои Павлус муҳим набуд. Ҳатто агар вай ба муҳаббати ҷавобӣ ҳеҷ гуна умед намедошт, вай онҳоро дӯст медошт. Вай дар ин бобат ҳақиқатан ба Худованд пайравӣ мекард.

**12,16** Расул ба суханоне ишора мекунад, ки бадхоҳон бо онҳо ба вай тӯҳмат мекарданд. Онҳо тахминан чунин мегуфтанд: «Фарз кардем, Павлус дар ҳақиқат аз шумо кушоду равшан пул намегирифт. Лекин вай онҳоро бо маккорӣ ба даст меовард, ба назди шумо одамони худро фиристода, онҳо бошанд пулро ба вай бурда медоданд».

**12,17** *«Агар ман аз шумо худам нагирифта бошам, оё ман касеро фиристодаам, ки чунин амал мекард?»* Расул рӯйрост аз қуринтиён мепурсад, ки айбномаҳо бар зидди вай оё дурустанд.

**12,18** Худи вай ба саволи худ ҷавоб медиҳад. *«Аз Титус илтимос намудам»* аслан инро ифода мекунад: *«Аз Титус илтимос намудам,*

то ба дидани шумо равад». Вале Павлус Титусро танҳо нафиристода буд. Вай *бародареро бо ӯ равона кард,* то ба ниятҳои Павлус ҳеҷ шубҳае набошад. Ҳангоме Титус ба Қуринтус омад, чӣ ба вуқӯъ омад? Оё вай ба ҳуқуқҳои худ исрор мекард? Оё аз қуринтиён пул талаб мекард? Оё мекӯшид ягон чизро илтимос карда гирад? Не, аз ин оят аён аст, ки Титус бо кадом як касбу ҳунар барои зиндагӣ пул кор мекард. Ин аз саволҳо аён аст: *«Оё мо дар як рӯҳ ва як равиш рафтор накардем?»* Ба ибораи дигар, ҳам Титус, ҳам Павлус аз рӯи қоидаҳои монанд амал мекарданд ва аз қуринтиён ёрии пулӣ намегирифтанд.

**12,19** Қуринтиён метавонистанд андеша намоянд, ки Павлус бо ин суханон дар назди онҳо худро *сафед мекунад,* гӯё онҳо доварони вай бошанд. Лекин вай, баръакс, ҳамаи инро чун дар *пеши рӯи Худо* барои насиҳат ба онҳо менавишт, то дар имон устувор шаванд. Вай мехост, ки ҳаёти онҳо дар Масеҳ мукаммал бошад ва онҳо донанд, ки онҳоро дар роҳ чӣ гуна хавфу хатарҳо интизор буда метавонанд. Вай бештар дар бораи он ғамхорӣ мекард, ки ба онҳо ёрӣ диҳад, на ин ки номи неки худро муҳофизат намояд.

**12,20** Павлус мехост, ки ҳангоми ба Қуринтус омадани вай масеҳиёни маҳаллӣ бо ҳамдигар осуда зиндагонӣ карда, аз байни худ муаллимони дурӯғинро берун ронанд, ва қудрати ба расулон додашударо эътироф намоянд.

Вай умед дошт, ки ба назди онҳо бо ҳисси хурсандӣ меояд, на бо ҳисси алам. Вай бошад албатта ҳисси аламро эҳсос мекард, агар дар онҳо мабодо *низоъ, ҳасад, хашм, ҷанҷол, буҳтон* ва дигар зуҳуроти ҷисмро меёфт.

**12,21** Ҳар чи ҳам бошад, қуринтиён барои Павлус хурсандӣ ва тоҷи шодмонӣ буданд. Онҳо фахри вай буданд. Вай намехост омада аз онҳо шарм дорад. Вай ҳамчунин намехост, ки ба вай лозим ояд *азо гирад барои бисёр касоне ки пештар гуноҳ кардаанд ва аз нопокӣ, фосиқӣ ва бадахлоқие ки ба амал овардаанд, тавба накардаанд.*

Павлус дар бораи *«бисёр касоне ки гуноҳ кардаанд»* сухан ронда, киро дар назар дорад? Ягона тахмини боақлона: онҳо аъзоёни ҷамоати Қуринтус ҳастанд, вагарна вай онҳоро дар нома ба ҷамоат чунин муҳокима намекард. Лекин ба худ тасаввур кардан мумкин нест, ки онҳо масеҳиёни ҳақиқианд. Комилан аниқ гуфта шудааст, ки онҳо дар гуноҳ мезистанд, дар дигар ҷойҳо бошад Павлус возеҳу равшан мегӯяд, ки касе тарафдори чунин тарзи зист аст, Подшоҳии Худоро мерос гирифта наметавонад (1Қур. 6,9.10). Расул барои чунин шахсон *азо мегирифт,* зеро онҳо тавба накарданд ва бинобар ин бояд аз ҷамоат дур карда шаванд.

Ҷ. Н. Дарбӣ ба он ишорат менамояд, ки ин боб аз тасвири осмони сеюм сар мешавад ва бо тасвири манфуртарин гуноҳҳои заминӣ ба охир мерасад. Дар байни ин ду зиддият роҳ ба наҷот баён карда мешавад – қувваи Масеҳ, ки дар расул Павлус аст.[52]

**13,1** Павлус ба Қуринтус омадан мехост. Бо омадани вай мавридҳои содиршавии гуноҳ дар байни масеҳиён бояд таҳқиқ карда мешуд. Чунин таҳқиқ бояд аз рӯи шариати Худо ба амал оварда мешуд, чӣ тавре ки дар Такрори Шариат 19,15 гуфта шудааст: *«Бо гувоҳии ду ё се шоҳид ҳар сухан исбот мешавад».* Павлус намегӯяд, ки ин таҳқиқро худаш мебарад. Инро ҷамоати маҳаллӣ хоҳад кард, расул бошад фақат маслиҳатгар хоҳад буд.

### Ж. Расул будани Павлусро худи қуринтиён тасдиқ мекунанд (13,2-6)

**13,2** Дар вақти омадани дуюми худ, ки ягона ёдоварӣ оид ба он дар ин оят ҳаст, Павлус огоҳонида буд, ки бо гуноҳкорон муомилаи сахтгирона хоҳад кард. *Ҳоло,* ҳарчанд *ғоиб бошад* ҳам, вай пешакӣ ба онҳо мегӯяд, ки, ҳангоме *аз нав* меояд, онҳоеро ки дар гуноҳ зиндагонӣ мекунанд, *амон намедиҳад.*

**13,3** Қуринтиён аз таъсири муаллимони дурӯғин гумроҳ шуда, расул будани Павлусро ба зери шубҳа гузоштанд. Онҳо рӯйрост аз вай талаб намуданд ягон хел *далели* онро нишон диҳад, ки вай дар ҳақиқат аз тарафи Худо фиристода шудааст. Вай бо чӣ исбот карда метавонад, ки *Масеҳ* дар ҳақиқат ба василаи вай *сухан меронад?* Расул ҷавобашро аз он сар менамояд, ки талаби бевиҷдононаи онҳоро такрор менамояд: *«Шумо далели онро меҷӯед, ки оё Масеҳ дар ман сухан меронад ...»*

Баъд, гӯё дар омади гап, вай ба онҳо мефаҳмонад, ки Масеҳ Худро ба онҳо ба воситаи вай ба таври *тавоно* зоҳир намуд. Дар он табаддулоти фавқулода, ки дар ҳаёти онҳо пас

аз бовар карданашон ба Хушхабар рӯй дод, ҳеҷ чизи *нотавон* нест.

**13,4** Калимаҳои «нотавон» ва «тавоно» ба Павлус дар бораи парадокси қувват дар заифӣ, ки дар ҳаёти Наҷотдиҳанда буд ва дар ҳаёти ғуломони вай мушоҳида карда мешавад, ёдоварӣ намуданд. Худованди мо *дар ҳолати нотавонӣ ба салиб кашида шуд, лекин бо қуввати Худо зинда аст.* Ҳамчунин онҳое ҳам, ки аз пайи Ӯ рафтанд, худ ба худ заифанд, лекин Худованд ба воситаи онҳо *қуввати* Худро зоҳир месозад. Ҳангоме Павлус мегӯяд: *«... ҳамроҳи Ӯ бо қуввати Худо, ки дар шумост, зиндагӣ мекунем»,* вай растохезро дар назар надорад. Аниқтараш, вай оид ба он сухан меронад, ки ҳангоме ба назди онҳо меояд, *қувваи* бузурги *Худоро* дар он зоҳир мекунад, ки бо гуноҳкор чӣ навъ муомила мекунад. Онҳо вайро нотавон меҳисобиданд ва бад медиданд, лекин вай ба онҳо нишон медиҳад, ки дар мубориза барои покии ҳаёти масеҳӣ тавоност!

**13,5** Ин оят бо қисми аввали ояти 3 чунин алоқаманд аст: «Шумо далели онро меҷӯед, ки оё Масеҳ дар ман сухан меронад. *Худро тафтиш намоед, ки оё дар имон ҳастед?»* Худи онҳо чун далели расул будани вай хизмат мекарданд. Охир маҳз ба воситаи вай онҳо Наҷотдиҳандаро шинохтанд. Агар ба онҳо далел лозим мебуд, мебоист ба худашон назар афкананд.

Ояти 5-ро аксар нодуруст мефаҳманд: гӯё мо тасдиқи ростии наҷотамонро бояд *дар худ* ҷӯем. Лекин чунин ҷустуҷӯ танҳо ба шакку шубҳа ва ноумедӣ оварда мерасонд. Боварӣ ба наҷот пеш аз ҳама ба воситаи Каломи Худо меояд. Дар худи ҳамон лаҳзае ки ба Масеҳ имон овардем, мо аз боло зода мешавем ва ин дуруст аст, зеро Навиштаи Муқаддас чунин таълим медиҳад. Вақт мегузарад ва мо дигар шаҳодатҳои ҳаёти навро мебинем муҳаббати нав ба муқаддасӣ, нафрати нав ба гуноҳ, муҳаббат ба наздикон, росткории амалӣ, фармонбардорӣ, аз ҷаҳон ҷудошавӣ.

Лекин Павлус дар назар надорад, ки қуринтиён дар ҷустуҷӯи далелҳои ростии наҷот бояд ба худтаҳлилкунӣ дода шаванд. Не, вай мехоҳад, ки дар наҷоти худ онҳо тасдиқи расул будани вайро ёбанд.

Танҳо ду вариант ҳаст: ё *Исои Масеҳ* дар онҳост, ё онҳо *на ончунон ҳастанд, ки бояд бошанд,* яъне онҳо бародарони ҳақиқӣ нестанд. Калимае ки *«на ончунон»* тарҷума шудааст, одатан барои тасвири фулузоте ки баъд аз санҷиш қалбакӣ баромаданд, кор фармуда мешавад. Яъне ё қуринтиён масеҳиёни ҳақиқианд, ё онҳо *«на ончунон»* ҳастанд ва аз санҷиш нагузаштаанд.

**13,6** Агар онҳо боварӣ доранд, ки ҳақиқатан наҷот ёфтаанд, аз ин бояд чунин хулоса кард, ки Павлус дар ҳақиқат расул аст ва дар бораи вай *«на ончунон»* гуфтан мумкин нест. Аз эҳтимол дур аст, ки табаддулоти муъҷизаосои дар ҳаёти қуринтиён ба амал омада ба воситаи муаллимони дурӯғин омада тавонад.

### 3. Хоҳиши ба қуринтиён некӣ кардани Павлус (13,7-10)

**13,7** Павлус суҳбатро оид ба ҷазо додани аъзоёни гуноҳкардаи ҷамоати Қуринтус давом медиҳад. Вай мегӯяд, ки дар ин хусус ба Худо дуо мекунад, то қуринтиён *бадӣ накунанд ва* дар байни худ ба инкишофи гуноҳ иҷозат надиҳанд, балки онҳо баҳри покии ҳаёт ваислоҳи аъзоёни гуноҳкардаи ҷамоат монда нашуда меҳнат кунанд. Вай на баҳри он дуо мегуфт, то худро *ончунон нишон диҳад, ки бояд бошад,* ё худро аз тарафи мусбат нишон диҳад. Ва ӯ фармонбардории онҳоро на барои он мехост, ки бо ин фармонбардорӣ қуввати худро чун расул тасдиқ намояд. Асло не. Вай мехост, ки онҳо бадӣ накунанд, зеро ин боадолатона ва бовиҷдонона мебошад. Ва ӯ афзал медонист, ки онҳо ба суханони вай гӯш андозанд, ҳатто ба қимати он ки вай *на ончунон* тобад, ки бояд бошад.

Аз нав дар пеши назари мо шаҳодати фидокории Павлус аст. Тамоми дуоҳои вай на дар бораи он ки худаш машҳур гардад, балки дар бораи он аст, ки ба дигарон неъмат ато карда шавад. Агар Павлус дар Қуринтус чун довари бераҳм рафтор намуда, бо дасти устувор мавқеи худро барқарор мекард ва ба итоати бечуну чаро ба фармонҳояш, ки ба ҷазо дахл доранд, муваффақ мешуд, пас вай инро бар зидди муаллимони дурӯғин чун далел оварда метавонист. Вай гуфта метавонист, ки ин шаҳодати қонунӣ будани қудрати вай мебошад. Лекин вай чунин меҳисобид, ки беҳтар

хоҳад буд, агар қуринтиён худашон дар набудани вай чораҳои зарурӣ бинанд, агарчи ин вайро дар чашмони нозирони шариат аз тарафи манфӣ нишон дода метавонад.

**13,8** «Мо» дар ин оят аниқтараш ба расулон дахл дорад. Павлус дар бораи он сухан меронад, ки ҳар он чи онҳо мекунанд, бояд на баҳри фоидаи шахсӣ, балки баҳри паҳн кардани *ростии* Худо ба амал оварда шавад. Ҳамин тавр дар ҷазо ҳам набояд асари қасоси шахсӣ бошад. Ҳама чиз бояд барои ҷалоли Худо ва баҳри хушии бародарони масеҳӣ ба амал оварда шавад.

**13,9** Ва расул аз нав фидокории пурраи худро нисбат ба қуринтиён нишон медиҳад. Агар нотавонии вай, агар таҳқир ва таънаҳое ки ба вай лозим меомад ба хотири онҳо аз сар гузаронад, боиси он мешуданд, ки қуринтиён дар имон устувор мегаштанд ва ба Худо наздиктар мешуданд, вай *шодӣ мекард*. Шодӣ карда, вай дар хусуси *комил шудани* онҳо дуо мегуфт. Бо назардошти он ки дар байни онҳо гуноҳкорони тавбанакарда буданд, Павлус дар бораи он дуо мегӯяд, ки онҳо такомул ёбанд, яъне ҳамаи пуррагии иродаи Худо дар ҳаёти онҳо иҷро шуда тавонад. Ин орзуи дилхоҳтарини вай буд. Ҳоҷ дар ин бора чунин менависад: «Павлус дар бораи он дуо мегуфт, то онҳо аз ҳолати бетартибӣ, низоъҳо, ғазаб озод шаванд ва комилан аз нав барқарор гарданд».[53]

**13,10** Павлус Номаи худро маҳз барои ҳамин навишта буд – баҳри он ки онҳо комил бошанд. Вай ҳамаи инро *дар вақти набуданаш* навишт, то ки онҳо то омадани вай ҳамаро дуруст кунанд ва он гоҳ *дар омаданаш,* аз рӯи он ихтиёре ки *Худованд додааст, сахтгирӣ карданй* вай лозим наояд. Лекин ҳатто агар вай ин ихтиёрро *дар омаданаш* истифода бурда, бо онҳо сахт муомила мекард, вай танҳо баҳри хушии онҳо чунин рафтор мекард, *на барои харобкорӣ, балки барои бунёдкорӣ.*

## И. Хайрбоди меҳрубононаи Павлус (13,11-13)

**13,11** Расул номаи пурҷӯшу хурӯши худро ногаҳон қатъ мекунад. Баъд аз он ки вай ба онҳо бо суханони *«шод бошед»* хайрбод гуфт, ӯ ба онҳо чор насиҳат медиҳад. Аввалан, вай ба онҳо мегӯяд: *«Комил шавед»*. Ин худи ҳамон феъл аст, ки бо он дар Матто 4,21 таъмири тӯрҳо тасвир шудааст, инчунин вай метавонад маънои «роҳҳои худро соз кунед»-ро дошта бошад. Қуринтиён бояд баҳс кардан ва гуноҳ намуданро қатъ кунанд. Онҳо бояд бо ҳамдигар дар оштӣ зиндагӣ кунанд.

*Тасаллӣ ёбед* «далер бошед» ё «таълим гиред»-ро ифода карда метавонад. Павлус ба онҳо пандҳои ҷиддӣ дод. Акнун вай мегӯяд: «Пандҳои маро бо дили нек қабул намоед ва чунон ки ман шуморо таълим додам, ҳамон хел рафтор намоед».

*Якдил бошед.* Барои масеҳиён ягона роҳ ба якдилӣ ба монанди Масеҳ фикр кардан мебошад. Барои ба монанди Ӯ фикр кардан онҳо бояд тамоми андеша ва мулоҳизаҳои худро ба Ӯ мутеъ гардонанд.

*Осоишро нигоҳ доред.* Аз 12,20 равшан аст, ки дар байни онҳо низоъҳо ва ҷанҷолҳо буданд. Ин ҳамеша дар он ҷое рӯй медиҳад, ки шариатпарастӣ ба майдон омад. Бинобар ин Павлус ба онҳо пешниҳод менамояд, ки дар ибтидо гуноҳкоронро ҷазо диҳанд, ва баъд бо бародарони масеҳӣ дар осоиш зиндагӣ кунанд.

Агар онҳо чунин рафтор намоянд, *Худои муҳаббат ва осоиш* бо онҳо *хоҳад буд*. Албатта, ба як маъное Худо ҳамеша бо онҳоест, ки ба Ӯ имон доранд. Лекин он чиз дар назар дошта шудааст, ки агар онҳо ба ин пандҳо фармонбардор бошанд, Ӯ ба онҳо махсусан наздик ва барояшон азиз хоҳад буд.

**13,12** Дар замонҳои расулон *бӯсаи муқаддас* аломати қабулшудаи салом дар байни масеҳиён буд. Ин бӯса барои он *муқаддас* номида мешавад, ки чун ифодаи дилбастагии рӯякӣ хизмат намекард, балки пок ва самимӣ буд. Дар аксар кишварҳо масеҳиён то ҳозир бо ҳамдигар чунин салом мекунанд. Лекин дар баъзе ҷойҳо бӯсаи байни мардон чун шаҳодати муносибатҳои ҳомосексуалӣ қабул карда мешавад. Бинобар ин ба чунин расму оине ки он ба Ҷамоати масеҳӣ соя афканда метавонад, исрор намудан намеарзад. Дар чунин ҳолатҳо бо дастфишурии муқаддас маҳдуд шудан беҳтар аст.

Ҳоҷ чунин менависад:

*Ин маслиҳат фармони қатъӣ намебошад, зеро моҳияташ дар он аст, ки масеҳиён муҳаббати дутарафаро чунон ифода намоянд, ки*

*мувофиқи замон ва расму оини кишвари онҳо дурустанд.*[54]

Салом аз *ҳамаи муқаддасон* бояд ба қуринтиён алоқамандии онҳоро ба бародарии умумиҷаҳонӣ ёдовар мешуд ва ба онҳо онро ишорат менамуд, ки ҷамоатҳои дигар аз онҳо интизори рушд дар имон ва итоат ба Худованд мебошанд.

**13,13** Дар ин ҷо мо яке аз ҷолибтарин дуоҳои хайри Аҳди Нав, ягона дуои хайреро, ки ҳар се Шахсияти Ваҳдати Сегонаи Худоро дар бар мегирад, мехонем.

Мехостем бо суханони Ленскӣ хулоса намоем:

*Ин Номаро симои расули бузург ба итмом мерасонад, ки дастонашро ба қуринтиён дароз мекунад ва дуои хайри Аҳди Навро мегӯяд. Баъд овози Павлус хомӯш мешавад. Лекин суханони баракат дар дилҳои мо мемонанд.*[55]

# Тавзеҳот

1. (1,2) James Denney, *The Second Epistle to the Corinthians,* саҳ. 11.
2. (1,10) Дар матни юнонии НА ин ҷо як замони гузашта ва ду замони оянда ҳаст.
3. (1,20) H. W. Cragg, *The Keswick Week,* саҳ. 126.
4. (2,11) J. Sidlow Baxter, *Awake My Heart,* аз хониш барои 10 ноябр гирифта шудааст, «Intoxication with Error».
5. (2,14) A. T. Robertson, *The Glory of the Ministry,* саҳ. 32.
6. (2,14) Frederick Brotherton Meyer, *Paul,* саҳ. 77.
7. (2,15) Худи ҳамон ҷо, саҳ. 78.
8. (2,17) Дар матни аслӣ тасвия хеле қавӣ мебошад: «мисли ҳамаи боқимондагон»; бешубҳа, ин муболиға мебошад, ки дар 2Қуринтиён махсусан зиёд аст.
9. (2,17) Robertson, *Ministry,* саҳ. 47.
10. (3,6) J. M. Davies, *The Epistles to the Corinthians,* саҳ. 168-169.
11. (3,9) Charles Hodge, *A Commentary on the Second Epistle to the Corinthians,* саҳ. 61.
12. (3,10) Robertson, *Ministry,* саҳ. 70.
13. (3,10) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 123.
14. (3,13) F. W. Grant, *2 Corinthians, The Numerical Bible,* ҷ. VI, саҳ. 547.
15. (3,14) Hodge, *Second Corinthians,* саҳ. 71.
16. (3,17) Мутарҷимон инро чун ишора ба Рӯҳулқудс қабул намудаанд ва аз ҳамин сабаб бо ҳарфи калон «Рӯҳ» навиштаанд. Матни аслӣ пурра бо ҳарфҳои калон навишта шуда буд, аз ҳамин сабаб ҳам ин ва ҳам он тафсир имконпазир аст.
17. (3,18) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 139-140.
18. (3,18) J. N. Darby, *Notes on I and II Corinthians,* саҳ. 189-190.
19. (4,7) J. H. Jowett, *Life in the Heights,* саҳ. 65.
20. (4,12) Robertson, *Ministry,* саҳ. 157.
21. (4,16) H. A. Ironside, маълумоти пурратар мавҷуд нест.
22. (4,17) Дар забони ибронӣ калимаи «ҷалол» аз решаи «вазнин будан» сохта шудааст, ва аз афташ, сабаби ин тасвияро интихоб намудани Павлус ҳамин аст.
23. (4,17) William C. Moorehead, *Outline Studies in the New Testament: Acts to Ephesians,* саҳ. 191.
24. (4,17) F. E. Marsh, *Fully Furnished,* саҳ. 103.
25. (4,18) Jowett, *Life in the Heights,* саҳ. 68, 69.
26. (5,1) Дар тарҷумаи дигар «... бо дастони одам сохта нашуда ва ба ин ҷаҳон тааллуқ надошта».
27. (5,15) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 199.
28. (5,16) David Smith, маълумоти пурратар мавҷуд нест.
29. (5,18) *A New and Concise Bible Dictionary,* саҳ. 652.
30. (6,4) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 230.
31. (6,9) «Чун шахсони номаълум, вале мо маълум ҳастем» дар қабри Ҷон Нелсон Дарбӣ (1800-1882) хеле бамавқеъ навишта шудааст, ки тақрибан ба монанди Павлус дар тамоми гӯшаву канори дунё хизмат намудааст.
32. (6,10) Robertson, *Ministry,* саҳ. 238.
33. (6,11) A. W. Tozer, *The Root of the Righteous,* 1955.
34. (6,16) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 246.
35. (7,8) George Williams, *Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 904.
36. (7,9) Hodge, *Second Corinthians,* саҳ. 182.
37. (7,11) Зикри тарҷумон: «чӣ гуна хашму ғазаб» дар нусхаи тоҷикии Аҳди Нав нест.
38. (8,7) Denney, *Second Corinthians,* саҳ. 267.
39. (8,9) Moorehead, *Acts to Ephesians,* саҳ. 179,180.
40. (8,15) Hodge, *Second Corinthians,* саҳ. 206.
41. (8,21) G. Campbell Morgan, *Searchlights from the Word,* саҳ. 345.
42. (9,7) Jowett, *Life in the Heights,* саҳ. 78.
43. (11,17) Charles C. Ryrie, *The Ryrie Study Bible, New King James Version,* саҳ. 1797.
44. (11,20) J. H. Darby, *Notes on I and II Corinthians,* саҳ. 236.
45. (11,27) Hodge, *Second Corinthians,* саҳ. 275.
46. (11,32) J. B. Watson, маълумоти дигаре нест.
47. (12,4) Morgan, *Searchlights,* саҳ. 346.

48. (12,7) R. J. Reid, *How Job Learned His Lesson,* саҳ. 69.
49. (12,7) Ниг. Ғалотиён 4,15 ва 6,11.
50. (12,7) Moorehead, *Acts to Ephesians,* саҳ. 197.
51. (12,9) J. Oswald Sanders, *A Spiritual Clinic,* саҳ. 32,33.
52. (12,21) Darby, *I and II Corinthians.* саҳ. 253.
53. (13,9) Hodge, *Second Corinthians,* саҳ. 309.
54. (13,12) Дар ҳамон ҷо, саҳ. 312.
55. (13,13) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Paul's First and Second Epistles to the Corinthians,* саҳ. 1341.

## Рӯйхати адабиёт


Darby, J. N.
*Notes on I and II Corinthians.*
London: G. Morrish, n. d.

Davies, J. M.
*The Epistles to the Corinthians.*
Bombay: Gospel Literature Service, 1975.

Denney, James.
*The Second Epistle to the Corinthians.*
London: Hodder & Stoughton, 1894.

Erdman, C. R.
*Second Epistle of Paul to the Corinthians.*
London: Philadelphia: Westminster Press, 1929.

Grant, F. W.
*2 Corinthians, The Numerical Bible.*
*Vol. 6, Acts – 2 Corinthians.*
New York: Loizeaux Brothers, 1901.

Hodge, Charles
*The Second Epistle to the Corinthians.*
London: The Banner of Truth Trust, 1959.

Hughes, Philip E.
*Commentary on the Second Epistle to the Corinthians.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1962.

Kelly, William.
*Notes on the Second Epistle to the Corinthians.*
London: G. Morrish, 1882.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of St. Paul's First and Second Epistles to the Corinthians.*
Columbus: Wartburg Press, 1937.

Luck, J. Coleman.
*Second Corinthians.*
Chicago: Moody Press, 1959.

Robertson, A. T.
*The Glory of the Ministry.*
New York: Fleming H. Revell Co., 1911.

Wilson, Geoffrey B.
*2 Corinthians: A Digest of Reformed Comment.*
London: The Banner of Truth Trust, 1973.

# НОМА БА ҒАЛОТИЁН

*Ин «Ҳуҷҷати бузург»-и озодии рӯҳонист барои тамоми ҷаҳон ва барои ҳамаи замонҳо.*
Чарлз Р. Эрдман

## Муқаддима

### I МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Бисёре аз мардуми англисизабон ва бисёре аз фаронсавиҳо аслу насаби келтӣ, яъне шотландӣ, ирландӣ, вэлсӣ, бретонӣ доранд. Барои ин гурӯҳи этникӣ фаҳмидан махсусан шавқовар хоҳад буд, ки яке аз номаҳои аввалини Павлус ба гузаштагони онҳо навишта шуда буд («ғалотиён», «келтҳо» ва «галлҳо» калимаҳои ба ҳам наздик ҳастанд).

Тақрибан соли 278 пеш аз милод шумораи зиёди ин галлҳои аврупоӣ ба ҳудуди имрӯзаи Туркия муҳоҷират карданд. Марзҳои истиқомати онҳо муайян гардид ва кишвар номи «Ғалотия»-ро гирифт. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки хусусиятҳои келтҳо, масалан, дар ноустувории ғалотиён зоҳир мешаванд (мисол, дар Аъм. 13 ва Ғал. 3,1).

Ҳар тавре ки бошад, Нома ба Ғалотиён дар масеҳияти ибтидоӣ аҳамияти махсус дорад. Ҳарчанд онро аксар чун «лоиҳаи аввалин»-и Нома ба Румиён меҳисобиданд (азбаски дар он ба тарзи монанд оиди Хушхабари файз, Иброҳим, шариат ва ғайра гуфта мешавад), Нома ба Ғалотиён талоши устувор ва пурҷӯшу хурӯшест барои наҷот додани масеҳият аз табдилёбӣ ба фирқаи мессиании яҳудияти шариатпараст. Мо намедонем, ки худи ғалотиён ба ин чӣ тавр эътино намуданд, вале Хушхабари файз новобаста ба корҳои шариат ғолиб баромад ва дини масеҳӣ дар ҷаҳон паҳн шуданро идома дод.

Дар давраи Ислоҳот Нома ба Ғалотиён барои Лютер он қадар муҳим буд, ки ӯ ин китобро «Кетеи ман» номид (ӯ зани худро ҳамин тавр меҳрубонона меномид). *«Тафсири Нома ба Ғалотиён»-и* ӯ на танҳо ба олимон, балки ба одамони одӣ ҳам таъсир кард; ин китобро то ба ҳол чоп мекунанд ва меомӯзанд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Аз тарафи Павлус навишта шудани Нома ба Ғалотиён ҳеҷ гоҳ мавриди баҳси ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Поликарп, Игнатий, Юстини Риёзаткаш, Ориген, Ириней, Тертуллиан ва Клименти Искандариягӣ онро чун ба қалами Павлус тааллуқдошта иқтибос меоваранд. Он дар қонуни Мураторӣ низ ҳамин хел зикр шудааст; шояд аз боиси ҷӯшу хурӯши сахти худ бар зидди дини яҳудӣ он дар «Апостоликон»-и Маркион мақоми аввалро дорад. Бинобар ин *шаҳодати дохилӣ* хеле қавӣ аст.

*Шаҳодати дохилӣ* ба манфиати муаллифии Павлус аз ишораҳои шахсӣ дар 1,1 ва 5,2 шуруъ мешавад, ва наздик ба охир (6,11) ӯ зикр мекунад, ки номаро «бо дасти худ» навиштааст. (Дар нусхаи асли юнонӣ «бо ҳарфҳои калон». Вобаста ба ин аксаран тахмин мекунанд, ки расул, эҳтимол, беморип чашм дошт. Инро қисман он далел ҳам тасдиқ мекунад, ки ғалотиён мехостанд барои Павлус *«чашмони* худро канда бароранд».) Аксари қайдҳои таърихӣ бо китоби Амалҳо мувофиқат мекунанд. Дар солҳои 50-ум ва 60-ум баҳсу мунозираҳо оиди хатна ва оиди расули ҳақиқӣ будани Павлус ҳаётан муҳим буданд, лекин хеле зуд мавзуи баҳсу мунозираҳои гарму ҷӯшон буданро бас карданд.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Санагузории Нома ба маънои аниқи калимаҳои «ҷамоатҳои Ғалотия» ва «ғалотиён» вобастагӣ дорад. Агар ин ҷо дар бораи қисмати ҷанубии Осиёи Хурд гуфта шавад, пас санаи боз ҳам бармаҳалтар, ҳатто то шурои Уршалим имконпазир аст. Агар қисмати шимолӣ дар назар бошад, он гоҳ ин муайян кардани санаи дертарро тақозо мекунад.

Истилоҳи *ҷуғрофии* «Ғалотия» барои нишон додани қисмати шимолӣ истифода бурда мешуд, аммо *сиёсиаш* барои нишон додани қисмати ҷанубӣ, музофоти Ғалотияи Рум.

Назарияи Ғалотияи шимолӣ дар солҳои 1800-ум аз тарафи умум қабул шуда буд ва то ба ҳол аз тарафи донишмандони олмонӣ ба дараҷаи баланд тарафдорӣ карда мешавад. Шаҳодат оиди он ки Павлус дар ин минтақа замоне ба ғалотиён хизмат мекард, вуҷуд надорад, вале ин, бешубҳа, чунин имкониятро истисно намекунад.

Назарияи Ғалотияи ҷанубӣ дар Британияи Кабир ва Амрикои Шимолӣ васеъ паҳн шудааст, махсусан аз он замон, ки онро ҷаноби Вилям Рамсей машҳур кард. Дар Амалҳо Луқо ба тасвири кори миссионерии Павлус дар ин кишварҳо (Антокияи Писидия, Икуния, Лустра ва Дарба) ҷои зиёдеро ҷудо мекунад ва барои ҳамин ҳам эҳтимол дорад, ки расул ба онҳое ки назди Масеҳ оварда буд, навишт. Аз он ҷо ки Павлус дар вақти сафари аввалини миссионерии худ дар Ғалотияи ҷанубӣ мавъиза карда буд ва баъд ба он ҷо дубора ташриф овард, Нома ба Ғалотиёнро ба замони боз ҳам пештар санагузорӣ кардан мумкин аст. Агар нома *то* шурои Уршалим, ки дар Амалҳо 15 (с. 49 милодӣ) шарҳ дода шудааст, навишта шуда бошад, он гоҳ маълум мегардад, ки чаро масъалаи хатна ҳанӯз ҳам хеле муҳим буд. Теодор Зан, олими намоёни консервативии олмонӣ чунин мешуморад, ки Нома ба Ғалотиён дар замони сафари миссионерии дуввум аз Қуринт навишта шудааст. Агар ин тавр бошад, он гоҳ ин Нома барвақттарин номае мебошад, ки аз ҷониби Павлус навишта шудааст.

Агар назарияи шимолӣ дуруст бошад, нома дар солҳои 50, эҳтимол, аллакай соли 53 ё каме дертар навишта шудааст.

Агар чунон ки мо меҳисобем, назарияи ҷанубӣ дуруст бошад, он гоҳ Павлус Нома ба Ғалотиёнро то ташрифи худ ба шурои Уршалим навишта буд, ки он ҷо оиди масъалаи хатнаи масеҳиёни ғайрияҳудӣ қарор қабул шуда буд ва китобро метавон соли 48 милодӣ санагузорӣ кард.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Дар вақти сафари ибтидоии миссионерии худ расул Павлус ба Осиёи Хурд ташриф оварда, хабари пурҷалолро оиди наҷот фақат бо имон ба Масеҳ мавъиза намуд. Шумораи зиёде аз шунавандагони ӯ наҷот ёфтанд, ҷамоатҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки баъзе аз онҳо дар Ғалотия буданд. Бошандагони Ғалотия ҳамчун мардумони беқарор, ҷанговар ва тағйирёбанда машҳур буданд.

Баъд аз он ки Павлус ин сарзаминҳоро тарк кард, дар ҷамоат муаллимони дурӯғин (дурӯғгӯй) пайдо шуданд, ки бо худ таълимоти бардурӯғро оварданд. Онҳо таълим медоданд, ки наҷот бо имон ба Масеҳ *ва инчунин* бо риояи шариат ба даст меояд. Дар мавъизаи онҳо масеҳият ва дини яҳудӣ, шариат ва файз, Масеҳ ва Мусо омехта мешуданд. Ҳамчунин онҳо кӯшиш мекарданд ғалотиёнро бо Павлус душман гардонанд ва мегуфтанд, ки ӯ расули ҳақиқии Худованд нест ва барои ҳамин ҳам ба мавъизаи ӯ бовар кардан мумкин нест. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки бо вайрон кардани боварӣ ба мавъизагар, бовар ба мавъизаро аз байн баранд. Насиҳатҳои маккоронаи онҳо ба бисёре аз масеҳиёни Ғалотия асар карданд.

Вақте аз Ғалотия чунин хабарҳо расиданд, то чӣ андоза дили Павлус бо ранҷ ва ноумедӣ пур мешуд! Наход ҳамаи меҳнатҳои ӯ дар байни он мардум беҳуда буданд? Оё масеҳиёнро аз таълимоти шариатпарастонаи яҳудӣ наҷот додан мумкин аст? Павлус хеле ба таҳлука афтода буд ва ин ӯро ба амалиёти зуд ва қатъӣ барангехт. Ӯ қаламро гирифта ба фарзандони дӯстдоштааш дар имон номаи оташинеро навишт. Дар он ӯ мегӯяд, ки наҷоти ҳақиқӣ аз аввал то охир ба воситаи файз дода мешавад ва онро бо иҷрои ҷузъӣ ё пурраи шариат ба даст овардан мумкин нест. Корҳои нек шарти наҷот нестанд, балки натиҷаи он мебошанд. Масеҳӣ барои шариат мурд; ӯ на бо талошҳои худ зиндагии покро идома медиҳад, балки бо қуввваи Рӯҳулқудси Худо, ки дар ӯ сокин аст.

# Нақша

I. ШАХСӢ: ПАВЛУС ЭЪТИБОРИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (Б. 1 ва 2)
 А. Мақсади номаи Павлус (1,1-10)
 Б. Павлус хабар ва хизмати худро муҳофизат мекунад (1,11–2,10)
 В. Павлус Петрусро сарзаниш мекунад (2,11-21)
II. ТАЪЛИМОТӢ: ПАВЛУС БО ИМОН САФЕД ШУДАНРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (3,1–5,1)
 А. Ҳақиқати бузурги Хушхабар (3,1-9)
 Б. Шариат муқобили ваъда (3,10-18)
 В. Вазифаи шариат (3,19-29)
 Г. Фарзандон ва писарон (4,1-16)
 Ғ. Ғуломӣ ё озодӣ (4,17–5,1)
III. АМАЛӢ: ПАВЛУС ОЗОДИИ МАСЕҲӢ ДАР РӮҲРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (5,2–6,18)
 А. Хатари шариатпарастӣ (5,2-15)
 Б. Қувва барои покшавӣ (5,16-25)
 В. Насиҳатҳои амалӣ (5,26–6,10)
 Г. Хотима (6,11-18)

# Тафсир

## I. ШАХСӢ: ПАВЛУС ЭЪТИБОРИ ХУДРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (Б. 1 ва 2)

### А. Мақсади номаи Павлус (1,1-10)

**1,1** Дар ибтидо *Павлус* исрор мекунад, ки мақоми расулии ӯ илоҳӣ мебошад. Он аз мардум ба даст наомадааст *ва* аз тарафи Худо *ба василаи* ягон *одам* дода *нашудааст.* Павлус бевосита *аз тарафи Исои Масеҳ ва Худо Падар, ки Ӯро аз мурдагон эҳё кард,* интихоб шудааст. Одаме ки танҳо аз тарафи Худо хоста шудааст ва фақат дар пеши Худо масъул аст, озод мебошад, ки бе ягон тарс хабари Худоро мавъиза намояд. Бинобар ин расул ҳам дар мавъизаи худ ва ҳам дар хизмати худ ба дувоздаҳ расулон ва дигар одамон вобаста набуд.

Дар ин оят Илоҳияти Масеҳ ҳам тасдиқ карда мешавад, ҳам дар назар дошта мешавад. Он бо ифодаи *«на аз тарафи одам, балки аз тарафи Исои Масеҳ»* исбот карда мешавад. Он дар ҳамин дар назар дошта мешавад, ки Павлус чӣ тавр *Исои Масеҳ* ва *Худо Падарро* чун ба якдигар баробар ёдовар шуда, якҷоя муттаҳид менамояд. Сипас дар бораи *Худо Падар* гуфта мешавад, ки Ӯ Масеҳро *аз мурдагон* зинда кард. Павлус ҳамаи асосҳоро дошт, то ба ғалотиён инро ёдовар шавад. Растохез исбот мекунад, ки Худо аз кори Масеҳ, ки барои наҷоти мо анҷом дод, комилан розӣ мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ғалотиён аз кори анҷомдодаи Наҷоткор он қадар розӣ набуданд, зеро мекӯшиданд ба он ҷидду ҷаҳди худро дар риояи шариат илова кунанд.

Дувоздаҳ расулонро Худованд Исо дар замони хизмати Худ дар замин даъват кард, Павлус бошад аз тарафи Масеҳи бархоста даъват шуда буд. Ва баъд растохез ҳамеша қисмати асосии мавъизаи Павлусро дар бар мегирифт.

**1,2** Расул худро бо *ҳамаи бародароне ки* бо вай *мебошанд,* муттаҳид мекунад. Ин *бародарон* ба даъват ҳамроҳ шуда, аз ғалотиён дар ҳақиқати Хушхабар монданро илтимос мекунанд. Дар ин Нома ба *ҷамоатҳои Ғалотия* худдории бошуурона зоҳир мешавад. Одатан Павлус ба масеҳиён ҳамчун ба «ҷамоатҳои Худо», «муқаддасон» ё «вафодор ба Исои Масеҳ» мурожиат мекунад. Ӯ одат дошт, ки масеҳиёнро барои корҳои хубашон шукргузорӣ кунад ё таъриф намояд. Ӯ аксаран одамони ҷудогонаро бо номҳояшон зикр мекард. Вале ин ҷо ҳеҷ чизи ба ин монанд вуҷуд надорад. Ҷиддияти хатое ки ҷамоатҳои Ғалотия роҳ доданд, ӯро маҷбур менамуд, то бо онҳо сахтгир ва дилсард бошад.

**1,3** *Файз ва осоиш* ду калимаи бузург дар Хушхабар мебошанд. *Файз* марҳаматест, ки Худованд ба гуноҳкорони бетақво, ки сазовори ин нестанд, ато мекунад. Ӯ анҷом додани кореро талаб намекунад, балки оиди коре гап мезанад, ки Худованд анҷом дод ва одамонро барои бемузд ба даст овардани наҷот даъват менамояд. Скоуфилд мегӯяд: *«Ба ҷои ҷустуҷӯи одамони хуб, ки вай метавонад таҳсин намояд, файз лаънатшудагон, гуноҳкорон, забонбастагон ва бечорагонеро ҷустуҷӯ мекунад,*

*ки вай метавонад наҷот диҳад, пок намояд ва ҷалол диҳад».*

*Осоиш* натиҷаи файз аст. Ҳангоме ки гунаҳкор Наҷоткорро қабул мекунад, ӯ *осоиш* бо Худовандро ба даст меорад. Бо донистани он ки музди гуноҳҳои ӯ пардохта шудааст ва ҳамаи гуноҳҳои ӯ бахшида шудаанд ва ӯ ҳеҷ гоҳ маҳкум нахоҳад шуд, ӯ ором мешавад. Аммо файз на танҳо наҷот медиҳад, вай инчунин нигоҳ медорад. Ва ба мо на фақат баракати *осоиш* бо Худо, балки баракати осоиши Худо ҳам лозим аст. Павлус бо шуруъ кардани номааш ҳамин баракатҳоро ба ғалотиён таманно мекунад. Ғалотиён, албатта, мефаҳмиданд, ки шариат ин баракатҳоро дода наметавонад. Шариат ба касоне ки ҳукми онро вайрон мекунанд, лаънат меоварад. Он ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ рӯҳе осоиш наовардааст.

**1,4** Сипас Павлус ба хонандагони худ дар бораи қимати фавқулодаи наҷоти онҳо ёдрас мекунад. Ба ин суханон диққат намоед: Худованди мо Исои Масеҳ, *ки Худро барои гуноҳҳои мо дод.* Агар Ӯ *Худро* барои ҳал кардани масъалаи гуноҳ *дода бошад,* пас бо иҷро кардани шариат ба он кор чизе илова намудан ё барои кафорати гуноҳҳоямон ёрӣ доданамон лозим нест ва имкон ҳам надорад. Масеҳ ягона Наҷоткор аст ва Ӯ кифоя мебошад. Масеҳ мурд, *то ки моро аз ин олами шарир халос кунад.* Ин ҷо на танҳо фисқу фасоди ахлоқӣ ва сиёсии ин ҷаҳон дар назар дошта шудааст, балки ҷаҳони динӣ, ки расму оин ва маросимҳоро бо имон ба Масеҳ омехта мекунад. Барои ҳамин ҳам ба ғалотиён ёдрас намудан хеле айни замон буд, ки онҳо ба ҳамон системае баргашта истодаанд, ки Масеҳ бо марги Худ онҳоро аз он наҷот дод! Наҷоти Масеҳ *мувофиқи иродаи Худо, Падари мо* рух дод. Ҳамин тариқ, шараф ба ҳамон Касе ки он ба Ӯ тааллуқ дорад, дода мешавад. Ба он на талошҳои бефоидаи одам, балки иродаи соҳибихтиёронаи Худо сазовор мебошад. Ҳамин тавр Павлус ёдрас менамояд, ки Масеҳ роҳи наҷот аст, ки аз тарафи Худо дода шудааст ва роҳи дигаре вуҷуд надорад.

Ояти 4 бояд ёдрас намояд, ки Худо на оиди он ғамхорӣ мекунад, ки ҷаҳонро беҳтар кунад ё онро ба одам кулай созад, балки оиди он ки одамонро аз он наҷот диҳад. Он чи барои ӯ афзалият дорад, барои мо низ бояд афзалият дошта бошад.

**1,5** Мувофиқи Хушхабари файз ҳамаи *ҷалоли* наҷоти одам ба Худо Падар ва Исои Масеҳ тааллуқ дорад. Одам наметавонад бо риояи шариат чун ҳамкори наҷот дар ҷалол шарик шавад.

Ҳар як ибора дар ин панҷ оят пур аз маъно мебошад, дар калимаҳои кам ҳақиқатҳои зиёде ифода ёфтаанд. Дар ин ҷо Павлус кӯтоҳакак ду мавзуи муҳимро ишора мекунад, ки тамоми Нома ба он бахшида шудааст: эътибори вай чун расул ва муждарасонии вай оиди файзи Худо. Ӯ омода аст, ки бо ғалотиён дар бораи ин масъалаҳо рӯйрост гап занад.

**1,6-7** Павлус дарҳол зидди омодагии ғалотиён ба қабул кардани гумроҳӣ баромад мекунад. Ӯ ҳайрон аст, ки ногаҳон онҳо аз ҳақиқати Хушхабар даст кашиданд ва ин кори онҳоро шадидан маҳкум мекунад: онҳо ба хотири хушхабари бардурӯғ Худовандро тарк карданд. Худо онҳоро *бо файзи Масеҳ даъват кард;* акнун бошад онҳо худро ба лаънати шариат гирифтор мекарданд. Онҳо Хушхабари ҳақиқиро қабул карданд, вале баъд онро ба хотири *башорати дигар* раҳо карданд, ки комилан Хушхабар набуд. Ин танҳо хабари вайронкардашуда, омехтаи шариат ва файз буд.

**1,8-9** Павлус ду маротиба лаънати шадиди Худовандро ба ҳар касе ки *бар хилофи он чи қабул кардаанд, башорат медиҳад,* эълон мекунад. Худо барои гуноҳкорони маҳкумшуда танҳо як хабар дорад: Ӯ наҷот бо файз аз рӯи имонро пешниҳод мекунад, комилан новобаста ба иҷрои шариат. Онҳое ки ҳар гуна тарзи дигари наҷотро мавъиза мекунанд, ҳатман маҳкум мешаванд. То чӣ андоза ин хатарнок аст мавъизаи хабаре ки одамро ба марги ҷовидон меоварад! Павлус тоқати чунин муаллимони фиребгарро надорад, мо ҳам бояд ҳамин тавр бошем.

Ҷон Стотт огоҳ мекунад:

*Мо набояд ба одам, ба атоҳо, ба касе ки мақоми муаллимро дар ҷамоат дорад, иҷозат диҳем ки моро нобино созанд, чунон ки бештари мардум нобино гардиданд. Онҳо метавонанд назди мо бо эътибор, нуфуз, обрӯи баланд ва донишмандӣ оянд. Онҳо метавонанд усқуфон ё усқуфони бузург, олимон ё ҳатто худи папа бошанд. Вале, агар онҳо на он башоратеро оваранд, ки расулон мавъиза мекарданд ва он дар Аҳди Нав навишта шудааст, онҳоро бояд рад*

*кард. Мо аз рӯи Хушхабар оиди онҳо ҳукм мекунем, на аз рӯи гуфтаи онҳо оиди Хушхабар. Чунон ки доктор Алан Коул гуфтааст, «на шахсияти муждабар ба хабар эътибор мебахшад, балки моҳияти хабар ба муждабар эътибор мебашад».*[1]

Таваҷҷуҳ намоед, ки Павлус на ин ки «фариштаи илоҳӣ», балки *«Фариштае аз осмон»* мегӯяд. *Фариштае аз осмон* фаразан метавонист хабари бардурӯғ биёрад, вале фаришта аз ҷониби Худо не. Забон беҳамто будани Хушхабарро аз ин воқеитар ифода карда наметавонад. Ин ягона воситаи наҷот мебошад. Талоши шахсӣ ё дастовардҳои одам ба ҳисоб дохил намешаванд. Танҳо Хушхабар наҷотро бе ягон маблағ, бе ягон арзиш, пешниҳод мекунад. Шариат ба касоне ки онро иҷро карда наметавонанд, лаънат меорад, вале Хушхабар бошад лаънатро ба касоне меорад, ки кӯшиш мекунанд онро тағйир диҳанд.

**1,10** Эҳтимол, Павлус дар ин ҷо ба ёд меоварад, ки душманон ӯро дар тағйир додани хабар ба фоидаи шунавандагон гунаҳкор мекарданд, барои ҳамин ҳам ӯ мепурсад: «Дар ягона будани Хушхабар исрор намуда, оё ман *назди одамон ҳусни таваҷҷуҳ меҷӯям ё назди Худо?»* Равшан аст, ки ӯ *назди одамон ҳусни таваҷҷуҳ намеҷӯяд,* чунки онҳо аз тахмине ки ба осмон танҳо як роҳ аст, нафрат доранд. Агар Павлус барои ба мардум писандида шудан хабари худро тағйир медод, он гоҳ *ӯ бандаи Масеҳ намебуд;* амалан ӯ ба хашми Худованд гирифтор мешуд.

### Б. Павлус хабар ва хизмати худро муҳофизат мекунад (1,11–2,10)

**1,11-12** Дар ин ҷо расул шаш далелро барои ҳимояи хабари худ ва хизмати худ пеш меоварад. Аввалан, Хушхабар ба василаи ваҳйи илоҳӣ, новобаста ба одам ба даст омадааст. Он *аз одамизод нест,* ба он маъно, ки аз одам барнамеояд. Мулоҳизаи яклаҳзаина инро тасдиқ мекунад. Дар муждарасонии Павлус Худо ҳама чиз, одам бошад ҳеҷ чиз аст. Чунин наҷотро одам фикр карда баровarda наметавонад! Павлус *онро на аз* дигар *одам қабул кардааст, онро на* аз китоб *таълим гирифтааст. Ӯ онро* бевосита ба василаи *ваҳйи* Худи *Исои Масеҳ қабул кардааст.*

**1,13-14** Сониян, Павлус ба Хушхабари худ шариати яҳудиро на барои он ки худаш *дини яҳудиро* намедонист, ҳамроҳ карда наметавонист. Аз рӯи зодашавӣ ва тарбия ӯ дар шариат парвариш ёфта буд. Бо хоҳиши шахсӣ вай таъқибкунандаи машҳури *Ҷамоат* шуд. Дар рашки ҳарисона оиди *ривоятҳои падарон* ӯ аз бештари яҳудиёни замонаш гузашта буд. Барои ҳамин ҳам ба надонистани шариат нисбат додани Хушхабари вай оиди наҷот аз рӯи имон, новобаста ба шариат, мумкин нест. Пас чаро Павлус шариатро аз мавъизаи худ истисно кард? Чаро Хушхабари ӯ бо саргузашти шахсии ӯ, рағбати табиӣ ва бо пешрафти динии ӯ куллан мухолифат мекард? Фақат барои он ки ин натиҷаи андешаҳои шахсии ӯ набуд ин ба вай бевосита аз ҷониби Худо дода шуда буд.

**1,15-17** Сеюм, солҳои аввали хизмати Павлус бе таъсири дигар *ҳаввориён* сипарӣ шудааст. Дар ин ҷо ӯ нишон медиҳад, ки дар Хушхабари худ ба дигарон вобаста нест. Баъд аз бовар кардан ӯ бо одамон-роҳбарон *машварат накард ва ба Уршалим, ки дар он ҷо* дигар *ҳаввориён* буданд, *нарафт.* Ба ҷои ин ӯ *ба Арабистон рафт* ва сипас *ба Димишқ баргашт.* Ӯ қарор дода буд, ки аз Уршалим дурӣ ҷӯяд, на барои он ки бародарон-расулонро ҳурмат намекард, балки барои он ки Худи Худованди аз мурдагон бархоста ба ӯ хизмати беҳамторо дар байни ғайрияҳудиён супориш дода буд (2,8). Барои ҳамин ҳам эҳтиёҷе набуд, ки мардум барои Хушхабари ӯ ва хизмат ваколат диҳанд. Вай ба одамон, ба ҳар касе ки бошад, вобаста набуд.

Баъзе аз ифодаҳо дар ин оятҳо сазовори омӯзиши дақиқ мебошанд. Ба ифодаи ояти 15 диққат намоед: *Худое ки маро аз батни модарам баргузидааст.* Павлус мефаҳмид, ки Худо ӯро пеш аз зода шуданаш барои ҳадафи махсус ҷудо карда буд. Ӯ дар роҳ ба Димишқ бовар карданро дар назар дошта, илова менамояд, ки Худо ӯро *бо файзи Худ* даъват намуд. Агар дар ҳамон замон ӯ подоши худро мегирифт, пас ӯ ба дӯзах андохта мешуд. Вале Масеҳ бо меҳри муъҷизаосои Худ ӯро наҷот дод ва барои мавъизаи боваре фиристод, ки ӯ мехост нест кунад. Дар ояти 16 Павлус нишон медиҳад, ки Худо ният дошт, ки дар ӯ *Писари Худро ошкор созад.* Дар пеши мо ҳадафи Худо маълум мегардад: Ӯ моро даъват кард, ки дар *мо* Писари

Худро ошкор созад, то мо ба ҷаҳон Худованд Исоро нишон дода тавонем. Ӯ Масеҳро ба дилҳои мо ошкор месозад (о. 16), то тавассути мо Масеҳро дар дигарон зоҳир намояд (о. 16-23), ва ҳамин тавр Худо ҷалол ёбад (о. 24). Ба Павлус вазифаи махсуси мавъиза оиди Масеҳ дар байни ғайрияҳудиён дода шуда буд.

Дар ояти 17 ӯ мегӯяд, ки *ба Арабистон рафт.* Барои ҳар як хизматгузори Худованд барои хилватгузинӣ ва андешаронӣ вақт лозим аст. Ба Мусо дар биёбон чил сол дода шуда буд. Довуд вақте ки дар теппаҳои Яҳудо гӯсфандонро бонӣ мекард, бо Худо якка ба якка буд.

**1,18-20** Чаҳорум, вақте Павлус ниҳоят ба Уршалим рафт, ӯ танҳо бо *Петрус* ва *Яъқуб* вохӯрд. Бо вуҷуди ин ӯ ба ҷамоатҳои Яҳудо нисбатан кам маъруф буд (1,21-24). Павлус барои нишон додани ба дигар расулон вобаста набуданаш ёдовар мешавад, ки камаш *се сол* баъд аз бовар карданаш ӯ ба Уршалим нарафтааст. Ӯ ба он ҷо рафт, то ки бо *Петрус* вохӯрад,[2] ташрифи расмӣ не, балки ташрифи шахсӣ (Аъм. 9,26-29). Дар он ҷо истода ӯ ҳамчунин бо *Яъқуби бародари Худованд* вохӯрд. Ӯ бо Петрус танҳо *понздаҳ рӯз* монд аз эҳтимол дур аст, ки барои таълими муфассал кофӣ бошад! Зиёда аз ин, аз матн аён аст, ки ӯ худро бо дигар хизматгузорони Худованд баробар меҳисобид.

**1,21-24** Баъд аз ин ӯ дар *кишварҳои Сурия ва Қилиқия* муддати зиёде монда буд, он қадар зиёд, ки *дар ҷамоати Яҳудо* ӯро шахсан намешинохтанд. Ба онҳо танҳо як чиз маълум буд: касе ки пеш мухолифи бераҳми масеҳият буд, акнун худаш масеҳӣ шудааст ва Масеҳро ба дигарон мавъиза мекунад. Бинобар ин барои он коре ки Ӯ дар ҳаёти Павлус анҷом дод, онҳо *Худоро мадҳ мегуфтанд.* (Оё дигар одамон барои тағйироти дар ҳаётамон рухдода Худоро ситоиш мекунанд?)

**2,1** Панҷум, дар замони ташрифи дертари Павлус ба Уршалим расулон розӣ шуданд, ки хушхабари ӯ илоҳӣ мебошад (2,1-10). Аз он ҷо ки ҷамоат дар Уршалим поягузорӣ шуда буд ва расулон ин шаҳрро то ҳадде қароргоҳи худ сохта буданд, пас албатта масеҳиёни он ҷо ҷамоати худро «ҷамоати модарӣ» меҳисобиданд. Ҳамин тавр, Павлус бояд исбот мекард, ки аз расулони уршалимӣ аз ягон ҷиҳат камӣ надорад. Ӯ бо нақли муфассал оиди ташрифи охиринаш ба *Уршалим* ҷавоб медиҳад. Ба мо маълум нест, ки ё аз замони бовар карданаш ё аз замони ташрифи аввалини ӯ ба Уршалим *чордаҳ сол* гузаштааст. Аммо мо медонем, ки ӯ аз Масеҳ ваҳӣ гирифт, то бо *Барнаббо,* ки бо ӯ кор мекард ва бо *Титус,* ғайрияҳудӣ, ки ба василаи хизмати Павлус бовар карда буд, ба он ҷо равад. Пайравони шариати яҳудӣ исрор мекарданд, ки Титус барои наҷоти комил хатна карда шавад. Расул Павлус ба онҳо гузашт намекард, зеро мефаҳмид, ки ҳақиқати Хушхабар дар зери хатар аст. (Дертар вақте ки Павлус худаш Тимотиюсро хатна кард, ин ба ҳеҷ гуна принсипҳои муҳим дахл намекард. Ниг. Аъм. 16,3.)

Э. Ф. Кивен мегӯяд:

*Павлус медид, ки хатна баҳри сафедкунӣ расму русуми беайб ва беаҳамият набуд, чуноне ки одамони беандеша фикр карда метавонистанд. Хатна сафедшавиро дар риояи шариат ҷустан ва ба ҳамин тариқ рад кардани худи асоси файз буд.*[3]

**2,2** Ҳангоме Павлус то Уршалим расид, дар *он ҷо ба шахсони соҳибэътибор он башоратро, ки дар миёни халқҳо* мавъиза мекард, *пешниҳод кард,* мабодо вай *бар абас* бидавад *ё давида бошад.* Чаро Павлус бо ҳамаи ҷамъомад не, балки *алоҳида* бо роҳбарони рӯҳонӣ суҳбат кард? Оё ӯ мехост, ки хушхабари ӯро барои мавриде ки ӯ ягон чизи дурӯғро мавъиза намояд, қабул намоянд? Албатта, не! Ин ба ҳамаи он чизе ки расул мегуфт, мухолифат мекунад. Ӯ исрор менамояд, ки хабари ӯ ба василаи ваҳйи илоҳӣ ба ӯ дода шудааст. Ӯ ба ҳақиқат будани таълимоте ки ба онҳо мавъиза мекунад, шубҳа надорад. Маънидоди воқеиро дар ҷои дигар ҷустуҷӯ намудан лозим аст. Аввал бо роҳбарон суҳбат намуданро назокати одӣ талаб мекард. Ҳамчунин хуб мешуд, ки аввал роҳбарон ба ҳақиқати муждарасонии Павлус боварӣ ҳосил мекарданд. Агар дар онҳо саволҳо ё мушкилоте пеш оянд, Павлус ба онҳо ба таври шахсӣ ҷавоб додан мехост. Баъд вай метавонист дар назди ҷамоате ки расулони дигар пурра дастгирӣ мекунанд, баромад кунад. Вақте ки бо гурӯҳи калони одамон сарукор дорӣ, ҳамеша хатари он вуҷуд дорад, ки он ба эҳсосот дода шавад. Бинобар ин Павлус мехост дар аввал хушхабари худро *алоҳида* дар муҳите пешниҳод намояд, ки аз эҳтимоли ташвиши умумӣ озод мебошад. Агар Павлус

дигар хел амал мекард, мунозираи ҷиддие рух доданаш мумкин буд, ки ҷамоатро ба яҳудиён ва ғайрияҳудиён ҷудо мекард. Он гоҳ худи сафари Павлус ба Уршалим бефоида мешуд. «... *Мабодо бар абас бидавам ё давида бошам*» гуфта ӯ ҳаминро дар назар дошт.

**2,3** Масъалаи иҷрои шариат дар мавриди *Титус* авҷ гирифт. Оё ҷамоати Уршалим ин ғайрияҳудии имондорро ба ҷамъияти худ қабул мекунад ё маҷбур месозад, ки ӯ аввал хатна карда шавад?[4] Пас аз баҳсу мунозираҳои зиёд расулон қарор доданд, ки барои наҷотёбӣ хатна муҳим нест. Павлус ғалабаи бузургро ба даст овард.[5]

**2,4** Агар аввали ояти 2 бо аввали ояти 4 пайваст карда шавад, мақсади асосии рафтани Павлус ба Уршалим маълум мегардад: «Ба он ҷо аз рӯи ваҳй равона шудам ... аз боиси *бародарони дурӯғини ба миёни мо сар даровардае, ки ба таври пинҳонӣ омада буданд* ...» Чунин ҳолат пештар дар Антокия рух дода буд (Аъм. 15,1.2). Баъзе аз устодони яҳудӣ аз Уршалим худро масеҳӣ вонамуд карда ба ҷӣ тариқе *пинҳонӣ* ба ҷамоати Антокия роҳ ёфтанд ва дар он ҷо таълим медоданд, ки барои наҷот хатна зарур аст.

**2,5** Павлус ва Барнаббо фаъолона зидди онҳо истодагарӣ намуданд. Барои ҳалли ин масъала Павлус, Барнаббо ва дигарон ба Уршалим рафтанд, то ақидаи расулон ва пирони он ҷоро фаҳманд.

**2,6** Онҳое ки дар Уршалим роҳбар ба ҳисоб мерафтанд, *ба зиммаи* ӯ ҳамчун расул *ҳеҷ чизе нагузоштанд* ва ҳеҷ чиз ба хабари ӯ илова накарданд. Ба ин аҳамият додан меарзад. Дар боби гузашта Павлус ёдрас карда буд, ки алоқаи ӯ бо расулони дигар ниҳоят кам буд. Ҳоло ки ӯ ҳақиқатан бо онҳо маслиҳат кард, онҳо эътироф намуданд, ки ӯ ҳамон хабареро, ки онҳо мавъиза менамоянд, мавъиза мекард. Ин хеле муҳим мебошад! Роҳбарони яҳудӣ розӣ шуданд, ки дар хушхабари ӯ ҳеҷ камбудие вуҷуд надорад. Агарчи Павлус ба онҳо вобаста набуд ва ҳеҷ кадоми онҳо ӯро таълим надода буданд, ба ҳар ҳол ӯ ҳамон хушхабареро мавъиза мекард, ки онҳо мавъиза мекарданд. (Павлус мартабаи расулони дигарро паст кардан намехоҳад, ӯ фақат тасдиқ мекунад, ки *онҳо ягон вақт ҳар чӣ хел бошанд ҳам,* яъне агарчи онҳо ҳамроҳони Худованд Исо дар хизмати заминии ӯ буданд, ин ба онҳо ҳеҷ гуна ҳуқуқи олиро намедиҳад, ки ба ӯ баҳои худро диҳанд. Ҳангоме ки сухан дар бораи чунин фарқҳои зоҳирӣ меравад, Худо шахсияти одамро қабул намекунад.)

**2,7-8** Расулон дар Уршалим мефаҳмиданд, ки ба Павлус бо марҳамати носазовор супориш дода шуда буд, ки ба хатнанашудагон (ғайрияҳудиён) Хушхабарро паҳн намояд, чунон ки *Петрус* ба назди яҳудиён фиристода шуда буд. Ҳар дуи онҳо як Хушхабарро мавъиза мекарданд, вале аксаран ба халқҳои гуногун.

**2,9-10** Ҳатто *Яъқуб, Кифо* (Петрус) ва *Юҳанно, сутунҳои* ҷамоат, баъди *огоҳӣ ёфтан* аз он чи Худо тавассути Павлус анҷом додааст, ба ӯ *ва Барнаббо дасти ширкат доданд,* то ки Хушхабарро ба *ғайрияҳудиён* мавъиза намоянд. Ин тақдимкунии расмӣ ба мартабаи динӣ набуд, балки изҳори муҳаббат ва таваҷҷуҳи онҳо ба кори Павлус буд. Онҳо танҳо як ҷумларо дохил карданд: то ки Павлус ва Барнаббо *бенавоёнро дар хотир нигоҳ доранд,* Павлус бошад *иштиёқманд* буд, *ки маҳз ҳаминро ба ҷо оварад.*

## **В. Павлус Петрусро сарзаниш мекунад (2,11-21)**

**2,11** Павлус ба онҳое ки ба расулии ӯ ҳуҷум мекарданд, ҷавоби шашум ва охиринро медиҳад ва дар бораи он мегӯяд, ки ӯ маҷбур буд расул *Петрусро*[6], ки бисёр масеҳиёни яҳудӣ ӯро дар байни расулон асосӣ меҳисобиданд, маҳкум намояд. (Ин порча аслан он андешаро, ки Петрус роҳбари бехатои ҷамоат мебошад, асосан рад менамояд.)

**2,12** Вақте ки Петрус бори аввал ба Антокия омад, аз озодии масеҳии худ пурра истифода бурда, *бо ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд.* Аз дидгоҳи одати яҳудӣ ӯ набояд ин корро мекард. Пас аз чанд вақт як гурӯҳ мардум аз ҷониби *Яъқуб* аз Уршалим ба Антокия омаданд. Онҳо изҳор намуданд, ки Яъқубро намояндагӣ мекунанд, вале ӯ дертар инро рад кард (Аъм. 15,24). Аз эҳтимол дур нест, ки онҳо масеҳиёни яҳудӣ буданд, ки ҳанӯз ҳам ба иҷрои шариат андармон буданд. Ҳангоме ки онҳо омаданд, Петрус аз хавфи он ки хабар дар бораи рафтори ӯ ба гурӯҳи шариатпараст дар Уршалим рафта мерасад, худро аз ғайрияҳудиён дур кашид.

Бо чунин рафтор ӯ яке аз ҳақиқатҳои бузурги Хушхабарро рад мекард: ҳамаи масеҳиён назди Исои Масеҳ як мебошанд ва фарқи миллӣ набояд ба мушоракат таъсир гузорад. Финдлӣ мегӯяд: *«Бо хатнанашудагон таом нахӯрда, ӯ хомӯшона тасдиқ мекард, ки ҳарчанд онҳо ба Масеҳ бовар доштанд, барои ӯ онҳо ҳанӯз ҳам «разил ва нопок» монда буданд ва иҷрои расму русуми шариати Мусо нисбат ба сафедшавӣ аз рӯи имон покии бештаре медиҳад».*

**2,13** Дигарон ҳам монанди Петрус рафтор карданд, аз он ҷумла *Барнаббо,* ҳамкори боэътибори Павлус. Ҷиддияти ин рафторро фаҳмида, Павлус далерона Петрусро ба *риёкорӣ* айбдор кард. Маломатҳои Павлус дар оятҳои 14-21 оварда мешаванд.[7]

**2,14** Ҳамчун масеҳӣ Петрус медонист, ки Худо дигар фарқҳои миллиро эътироф намекунад; ӯ монанди ғайрияҳудӣ зиндагӣ мекард, таоми онҳоро мехӯрд ва ғайра. Вале аз таомхурӣ бо ғайрияҳудиён даст кашида, Петрус амалан гуфт, ки барои покӣ иҷрои қоидаҳо ва одатҳои яҳудӣ муҳим аст ва масеҳиёни ғайрияҳудӣ бояд *ба тариқи яҳудиён зиндагӣ кунанд.*

**2,15** Ба назар мерасад, ки ин ҷо Павлус кинояро истифода мебарад. Оё рафтори Петрус боварии ӯро ба афзалияти *яҳудиён* ва разилии *ғайрияҳудиён* нишон намедиҳад? Ин бояд ба Петрус хубтар маълум бошад, чунки пеш аз имон овардани Корнилиюси мирисади ғайрияҳудӣ Худованд ба Петрус ёд дода буд, ки ҳеҷ касро разил ва нопок нагӯяд (Аъм. 10 ё 11,1-18).

**2,16** Яҳудиёни имондор медонистанд, ки бо *амалҳои шариат* наҷотро ба даст овардан мумкин нест. Шариат касонеро, ки ба он пурра итоат карда наметавонистанд, ба марг маҳкум мекард. Ҳамин тариқ, ҳама лаънатзада буданд, зеро ҳамаи онҳо нишондодҳои поки онро вайрон кардаанд. Наҷотдиҳанда ин ҷо ҳамчун ягона объекти ҳақиқии имон нишон дода шудааст. Павлус ба Петрус ёдрас мекунад, ки *«мо яҳудиён ҳам»* ба хулосае омадем, ки наҷот *ба василаи имон ба Исои Масеҳ* ба даст меояд, *на ин ки бо амалҳои шариат.* Ба Петрус чӣ лозим буд шариатро ба ғайрияҳудиён бор кунад? Шариат ба мардум мегуфт, ки чӣ корро анҷом диҳанд, вале қувваро намедод, то онро анҷом диҳанд. Шариат на барои наҷот додан, балки барои гуноҳро фош кардан дода шуда буд.

**2,17** Павлус, Петрус ва дигарон сафедшавиро танҳо дар Масеҳ меҷустанд ва на дар ягон чизи дигар. Лекин рафтори Петрус дар Антокия гӯё нишон медод, ки ӯ комилан сафед нашудааст ва бояд ба зери қудрати шариат баргардад, то наҷоти ӯ пурра амалӣ гардад. Агар ин тавр бошад, пас Масеҳ Наҷотдиҳандаи комил нест ва танҳо Ӯ кифоят намекунад. Агар мо барои бахшиши гуноҳҳоямон ба Ӯ рӯ оварем, вале пас аз он ба сӯи дигаре рӯ оварем, *наход ки Масеҳ хизматгузори гуноҳ бошад* ва ваъдаҳои Худро иҷро намекунад? Агар ба сафед шудан дар Масеҳ бовар мекунем гуфта, сипас ба шариат баргардем (ки моро танҳо ҳамчун гуноҳкорон маҳкум карда метавонад), пас оё мо ҳамчун масеҳӣ рафтор мекунем? Оё мо умедвор буда метавонем, ки Масеҳ чунин амалҳоеро ки моҳиятан ӯро ба *хизматгузори гуноҳ* мубаддал месозад, қабул менамояд? Павлус бо ғазаб ҷавоб медиҳад: *«Ҳеҷ гоҳ».*

**2,18** Петрус ба хотири имон ба Масеҳ аз ҳамаи системаи шариат даст кашид. Агар гап дар бораи лутфи илоҳӣ равад, ӯ эътирофи фарқ байни яҳудиён ва ғайрияҳудиёнро рад кард. Ҳоло бошад, аз хӯрок хӯрдан бо ғайрияҳудиён даст кашида ӯ он чизеро, ки замоне *хароб кардааст, аз нав ба вуҷуд меоварад.* Бо чунин рафтор вай *худро ҷинояткор мегардонад.* Ё ба хотири Масеҳ аз шариат даст кашидани вай нодуруст буд, ё ҳозир ба хотири шариат аз Масеҳ даст кашидани вай нодуруст аст!

**2,19** Ҷазо барои риоя накардани шариат марг мебошад. Ман гунаҳкорам, ман шариатро вайрон кардам. Барои ҳамин он маро ба марг маҳкум кард. Вале Масеҳ ба ҷои ман мурда, музди вайрон кардани шариатро пардохт. Бинобар ин, ҳангоме ки Масеҳ мурд, ман ҳам мурдам. Ӯ барои шариат мурд, ба он маъно ки ҳамаи талаботҳои одилонаи онро иҷро кард, барои ҳамин ман ҳам *барои шариат* дар Масеҳ *мурдам.*

Масеҳӣ *барои шариат мурд*; ӯ дигар ба он алоқаманд нест. Оё ин маънои онро дорад, ки акнун масеҳӣ ҳар вақте ки хоҳад, метавонад Даҳ фармударо вайрон кунад? Не, ӯ на аз тарси шариат, балки ба хотири муҳаббат ба Он Касе ки барои ӯ мурд, ҳаёти пок ба сар мебарад. Масеҳиёне ки мехоҳанд дар зери шариат бошанд (зеро он намунаи рафторро муайян менамояд), дарк намекунанд, ки ба ин тариқ

онҳо худро зери лаънати он мегузоранд. Зиёда аз он, онҳо наметавонанд шариатро фақат аз ягон ҷиҳат иҷро карда, барои иҷроиши пурраи он ҷавобгар набошанд. Барои мо ягона роҳи *барои Худо зиндагӣ кардан* – барои шариат мурдан мебошад. Шариат ҳеҷ гоҳ ҳаёти покро ба вуҷуд намеоварад, Худо ҳам онро барои ин таъйин накарда буд. Роҳ ба покӣ, ки Ӯ муайян кардааст, дар ояти 20 шарҳ дода мешавад.

**2,20** Масеҳӣ бо *Масеҳ* дар марги Ӯ монанд карда мешавад. На фақат *Ӯ* дар Ҷолҷолто маслуб карда шуда буд, балки *ман ҳам* дар Ӯ *маслуб шудам.* Ин маънои онро дорад, ки дар пеши чашмони Худо ман чун гунаҳкор мурдам. Ин маънои онро дорад, ки чун одаме ки мекӯшад бо талошҳои шахсии худ наҷотро ба даст орад ё сазовори он бошад, ман мурдам. Ин маънои онро дорад, ки ҳамчун фарзанди Одам, мисли одаме ки аз ҷониби шариат маҳкум шудааст, ман мурдам. «Ман»-и қадимӣ, аз нав зоданашуда ва бадкирдори ман маслуб шуда буд; вай дигар ба ҳаёти имрӯзаи ман ҳукмфармо нест. Ин нисбати он ки ман чӣ тавр дар пеши Худо ҳозир мешавам, дуруст мебошад; ин нисбати рафтори ман ҳам бояд дуруст бошад.

Масеҳӣ ҳамчун шахсият, индивидуум, зистанро бас намекунад. Вале касе ки дар пеши чашмони Худо мурд, на ҳамон касест, ки зиндагӣ мекунад. *Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад.* Наҷотдиҳанда ба ҷои ман мурд, на барои он ки ман дар оянда ҳам чуноне ки хоҳам, зиндагӣ кунам. Ӯ ба ҷои ман мурд, то ки пас аз ин дар ман бо ҳаёти Худ зиндагӣ кунад. *Ва ин ки ҳоло* дар ҷисми инсонӣ *зиндагӣ мекунам,* ман дар *имон ба Писари Худо* зиндагӣ мекунам. Имон маънои боварӣ ва имконияти такя кардан ба ягон касро дорад. Масеҳӣ дар ҳаёти худ ҳамеша ба Масеҳ такя мекунад, ба тавре ки ӯ ба Масеҳ иҷозат медиҳад, ки дар ӯ бо ҳаёти Худ зиндагӣ намояд.

Ҳамин тариқ қоидаи зиндагии масеҳӣ на шариат, балки Масеҳ мебошад. Гап на дар сари кӯшиш, балки дар боварӣ аст. Ӯ на аз тарси ҷазо ҳаёти пок ба сар мебарад, балки аз боиси муҳаббат ба *Писари Худо,* ки ӯро *дӯст дошт ва Худро* барои ӯ *таслим кард.*

Оё шумо ягон вақт бо дуо оиди он ки дар ҷисми шумо ҳаёти Худованд Исо зоҳир шавад, зиндагии худро ба Ӯ таслим намудаед?

**2,21** *Файзи Худо* атои наҷот мебошад, ки бо ҳеҷ шарте вобаста нест. Вақте ки одам мекӯшад ин аторо сазовор гардад, ӯ бо худи ҳамин маънои онро аз байн мебарад. Агар одам онро сазовор гардад ё бо хизмат ба даст оварад ин дигар аз рӯи файз нест. Далели охирини Павлус хеле мутаассир мегардонад. Агар Петрус шариатро мувофиқи расму оини яҳудӣ риоя карда, лутфи илоҳиро ноил шуда метавонист, *пас Масеҳ бар абас мурдааст;* ба маънои таҳтуллафзӣ Ӯ зиндагии Худро партофт. Масеҳ барои он мурд, ки одам *сафедшавиро* дигар хел ба даст оварда наметавонист, ҳатто бо риояи шариат.

Клоу мегӯяд:

*Бидъати бузургтарине ки ҷамоатҳоро хароб мекунад, таълимоти имонро ба гумроҳӣ гирифтор мекунад ва маҷбур месозад, ки дилҳои одамон мағрур гардад – наҷот аз рӯи амал аст. «Ман чунин меҳисобам», менависад Ҷон Раскин, «ки решаи ҳама гуна шикаст ва ҳама гуна бидъат, ки ҷамоат аз онҳо ранҷ мебурд, саъю кӯшиш барои сазовор гардидан ба наҷот буд, на барои гирифтани он. Башорат аксаран аз он сабаб чунин бетаъсир мегардад, ки он мардумро ба меҳнат барои Худо даъват мекунад, на ин ки чӣ тавр барои онҳо меҳнат кардани Худоро бубинанд».*[8]

## II. ТАЪЛИМОТӢ: ПАВЛУС БО ИМОН САФЕД ШУДАНРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (3,1–5,1)

### А. Ҳақиқати бузурги Хушхабар (3,1-9)

**3,1** Дар амалҳои ғалотиён камбудии фаҳмиш ва ақли солим падидор гашт. Аз файз ба шариат рӯ овардан маънои ба *васваса афтодан,* ё ба ҷоду дода шуданро дорад. Ин маънои аз азоимхонии ҷодугарона оромиш ёфтан ва бемулоҳиза дурӯғро ба ҷои ҳақиқат қабул карданро дорад. Дар саволи Павлус *«Кӣ шуморо ба васваса андохт?»* ҷонишини «кӣ» на дар шакли ҷамъ, балки дар шакли танҳо истодааст (юн. «тис»).[9] Эҳтимол, бо ин дар назар дошта шудааст, ки муаллифи ин таълимоти бардурӯғ иблис буд. Худи Павлус ба ғалотиён *Исои Масеҳи ба салиб кашидашударо* мавъиза мекард ва таъкид мекард, ки салиб бояд онҳоро ҷовидона аз лаънат ва вобастагӣ ба шариат озод

намояд. Чӣ тавр онҳо тавонистанд ба шариат баргарданд ва ҳамин тариқ салибро инкор намоянд? Наход ҳақиқат воқеан онҳоро зери ҳукми худ надаровард?

**3,2** Ҷавоб ба як савол имкон медиҳад, ки ҳамаи корҳо ҳал карда шаванд. Бигузор онҳо ба замоне ки имон оварданд, баргарданд ба он замоне ки дар ҷисми онҳо Рӯҳулқудс сокин шуд. Онҳо *Рӯҳро* чӣ тавр *қабул кардаанд?* Бо амалҳо ё бо имон? Маълум аст, ки бо имон. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ Рӯҳро бо иҷрои шариат қабул накардааст.

**3,3** Агар онҳо наҷотро бо амалҳо ба даст оварда наметавонистанд, оё умедвор буда метавонистанд, ки бо шариат дар масеҳият комил шаванд ё покияшон афзун шавад? Агар барои наҷот додани онҳо қудрати *Рӯҳ* лозим бошад, оё онҳо бо талошҳои ҷисмонии худ ин марҳаларо ба охир расонида метавонистанд?

**3,4** Вақте ки ғалотиён бори аввал ба Масеҳ бовар карданд, онҳо ба таъқиби сахт гирифтор шуданд, шояд, аз ҷумла, аз дасти яҳудиёни бадрашк, ки аз Хушхабар нафрат доштанд. Оё ин заҳматҳо *бар абас* буданд? Ба шариат баргашта, оё онҳо бо худи ҳамин намегуфтанд, ки дар ниҳояти кор таъқибкунандагони онҳо ҳақ мебошанд? *Тасаввур намекунам!* Павлус умедеро изҳор менамояд, ки онҳо ба сӯи Хушхабаре бармегарданд, ки барои он *ин қадар заҳмат кашидаанд*.

**3,5** Аниқ маълум нест, ки дар ояти 5 дар бораи кӣ сухан меравад – дар бораи Худо, Павлус ё ягон каси дигар, ки дар замони навишта шудани нома ба ғалотиён хизмат мекард. Дар ниҳояти кор оят дар бораи Худо сухан меронад, чунки танҳо Ӯ метавонад *Рӯҳулқудс*ро ато намояд. Лекин маънои изофӣ доштанаш ҳам мумкин аст – шояд дар оят сухан дар бораи масеҳии хизматгузоре меравад, ки Худо ба воситаи вай иродаи худро амалӣ месозад. Чунин назар ба хизмати масеҳӣ хеле баланд аст. Касе гуфтааст: «Ҳар гуна хизмати масеҳии ҳақиқӣ Рӯҳулқудсро ба дигарон медиҳад; моҳиятан, он Рӯҳро тақсим мекунад».

Агар расул дар бораи худ сухан ронда бошад, гумон меравад, ки ӯ оиди муъҷизоте фикр мекунад, ки ба Хушхабари ӯ ва ба бовар кардани ғалотиён ба Масеҳ ҳамроҳӣ мекарданд (Ибр. 2,4). Вале замони феъл на ба ҳодисаҳои гузашта, балки ба ҳодисаҳои замони навишта шудани нома ишора мекунад. Павлус, зоҳиран, дар хусуси атои муъҷизаноке сухан меронад, ки Рӯҳулқудс ба масеҳиён пас аз имон оварданшон дод, чунон ки дар 1Қуринтиён 12,8-11 тасвир ёфтааст.

*Оё инро ба воситаи амалҳои шариат мекунад, ё ки ба воситаи мавъизаи имон?* Ҷавоб чунин аст: *ба воситаи мавъизаи имон*. Рӯҳулқудс дар масеҳӣ сокин мегардад ва сипас дар ӯ кори Худро анҷом медиҳад ва ҳеҷ гоҳ ба ин расидан ё сазовор будан имкон надорад, он ҳамеша бо файз аз рӯи *имон* дода мешавад. Ҳамин тавр ғалотиён аз таҷрибаи худ бояд медонистанд, ки баракат ба воситаи имон меояд, на ба воситаи иҷрои шариат.

Ҳамчун далели дуюм Павлус аз Навиштаи Муқаддас ҳамон ҷойҳоеро ба кор мебарад, ки муаллимони дурӯғин барои нишон додани зарурияти хатна истифода мебурданд! Дар Аҳди Қадим дар асл чӣ гуфта шудааст?

**3,6** Павлус нишон медиҳад, ки муносибатҳои Худованд бо ғалотиён пурра дар асоси имон мебошанд. Дар ин ҷо ӯ нишон медиҳад, ки дар замонҳои Аҳди Қадим мардум ҳамин тавр наҷот меёфтанд. Дар ояти 5 савол дода шуда буд: «Оё онро ба воситаи амалҳои шариат мекунад, ё ки ба воситаи мавъизаи имон?» Ҷавоб дода шуда буд: «Ба воситаи мавъизаи имон». Бо ин ҷавоб аввали ояти 6 алоқаманд аст: *«Чунончи, Иброҳим ...»* Вай айнан ҳамин тавр сафед карда шуда буд – бо имон.

Шояд, муаллимони яҳудӣ дар бораи Иброҳим ҳамчун қаҳрамон ва намунаи худ сухан меронданд ва далелҳои худро оиди муҳим будани хатна дар таҷрибаи ӯ асоснок мекарданд (Ҳас. 17,24.26). Агар ин ҳамин тавр бошад, Павлус бо онҳо дар майдони худи онҳо мубориза хоҳад бурд. Иброҳим чӣ тавр наҷот ёфт? *Иброҳим ба Худо имон овард*. Ӯ ҳеҷ амали сазовори мукофот анҷом надода буд. Ӯ танҳо *ба Худо имон овард*. Ҳеҷ гуна дастовард ба ин алоқаманд нест; ба Худо бовар накардан дар асл барои инсон як чизи беаклона аст. Бовар кардан ба Худо ягона чизе мебошад, ки одам барои наҷот ёфтан метавонад анҷом диҳад ва ин ба ӯ ҳеҷ гуна асосро барои худситоӣ намедиҳад. Ин «кори нек» нест, ки ҷидду ҷаҳди одамиро талаб намояд. Барои ҷисм ҷой намемонад. Чӣ метавонад беҳтар аз эътимоди офарида ба Офаридгор ё кӯдак ба Падари худ бошад?

Сафедкунӣ қарори Худо мебошад, ки мувофиқи он Ӯ ҳамаи онҳоеро, ки ба Ӯ боварӣ доранд, росткор эълон менамояд. Худо метавонад мушкилот бо гуноҳкоронро одилона ҳал намояд, чунки Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто ба ҷои ҳамаи гуноҳкорон, музди гуноҳҳои онҳоро пардохта, мурд. Сафед кардан маънои онро надорад, ки Худо масеҳиро худ аз худ росткор ва бегуноҳ мегардонад. Ӯ вайро дар асоси коре ки Наҷотдиҳанда ба амал овардааст, росткор меҳисобад. Худо ба гуноҳкоре ки ба Ӯ боварӣ дорад, росткорӣ мебахшад ва росткорӣ ӯро сазовори осмон мегардонад. Худо умедвор аст, ки ӯ барои он чизе ки Худованд барои ӯ анҷом дод, росткорона хоҳад зист. Дар ин ҷо зикр кардан муҳим аст, ки сафедшавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ бо риояи шариат алоқаманд нест. Он пурра дар имон асос ёфтааст.

**3,7** Бешак, муаллимони яҳудӣ тасдиқ мекарданд, ки ғалотиён бояд хатна карда шаванд, то ки насли ҳақиқии Иброҳим шаванд. Павлус инро рад мекунад. *Фарзандони* ҳақиқии *Иброҳим* на яҳудӣ зодашудагон ва на ба яҳудият боваркардагон мебошанд. Инҳо касоне мебошанд, ки бо имон наҷот ёфтаанд. Дар Румиён 4,10.11 Павлус нишон медиҳад, ки Иброҳим пеш аз он ки хатна карда шавад, росткор номида шуда буд. Ба ибораи дигар, ӯ ҳанӯз ҳангоми ғайрияҳудӣ буданаш сафед карда шуд.

**3,8** Аҳди Қадим ҳамчун пайғамбаре нишон дода мешавад, ки ба оянда нигоҳ мекунад ва пешбинӣ менамояд, *ки Худо халқҳоро* ва низ яҳудиёнро *ба воситаи имон сафед мекунад.* Дар Навиштаи Муқаддас на танҳо баракати *халқҳо* (ғайрияҳудиён) ба воситаи *имон* пешбинӣ шудааст, балки, аслан, дар бораи он ба Иброҳим дар Ҳастӣ 12,3 эълон шуда буд: «... ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд ёфт».

Вақте ки мо бори аввал ин иқтибосро аз Ҳастӣ мехонем, бароямон дидани он мушкил аст, ки чӣ тавр Павлус дар он чунин маъниро пайдо кард. Вале ба ҳар ҳол Рӯҳулқудс, Касе ки ин оятро дар Аҳди Қадим навишт, медонист, ки дар он Хушхабари наҷот бо имон барои ҳамаи кавмҳо вуҷуд дорад. Аз он ҷо ки Павлус бо илҳом аз худи ҳамон Рӯҳулқудс менавишт, ӯ тавонист маънои дар асоси оят бударо ба мо шарҳ диҳад: *дар ту* маънои якҷоя бо Иброҳимро дорад, чунон ки Иброҳим низ. *Ҳамаи қабилаҳо* ғайрияҳудиён мебошанд, ва низ яҳудиён. *Баракат меёбанд* – наҷот меёбанд. Чӣ тавр Иброҳим наҷот ёфта буд? *Бо имон.* Чӣ тавр кабилаҳо наҷот дода мешаванд? Монанди Иброҳим – бо имон. Зиёда аз ин, онҳо чун ғайрияҳудиён наҷот меёбанд, на ба василаи бовар ба яҳудият.

**3,9** Ҳоло, тибқи шаҳодати Навиштаҳои яҳудӣ, онҳое ки ба Худо *имон* доранд, *бо Иброҳими имондор* сафед шудаанд.

## Б. Шариат муқобили ваъда (3,10-18)

**3,10** Тибқи Навиштаи Муқаддас Павлус нишон медиҳад, ки шариат ҳаргиз ато намекунад ва баракат намедиҳад он танҳо лаънат карда метавонад. Дар ин оят на «ҳамаи онҳое ки шариатро риоя намекунанд», балки *«тамоми аҳли амалҳои шариат»* гуфта шудааст, яъне касоне ки бо роҳи риояи шариат лутфу марҳамати Худоро ба даст оварданӣ мешаванд. Онҳо *зери дасти лаънат мебошанд,* яъне ба марг маҳкум шудаанд. *Зеро ки навишта шудааст* (Так. Шар. 27,26): *«Лаънатӣ бод касе ки суханони ин шариатро доимо ба ҷо наоварад ...»* Як рӯз, моҳ, сол ба ҷо овардани шариат кофӣ нест. Онро бояд *доимо* ба ҷо овард. Итоат бояд пурра бошад. Танҳо риоя кардани Даҳ фармуда кофӣ нест. Бояд ҳамаи зиёда аз шашсад қонуни дар панҷ китоби Мусо навишташуда иҷро карда шаванд!

**3,11** Павлус Аҳди Қадимро ба асос гирифта, аз нав муаллимони дурӯғгӯйро рад мекунад. Ӯ пайғамбар Ҳабаққукро иқтибос меорад, то нишон диҳад, ки Худо мардумро ҳамеша на бо шариат, балки *бо имон* сафед мекард. *Росткор бо имон зиндагӣ мекунад,* ба ибораи дигар, касе ки на ба воситаи амалҳо, балки ба воситаи имон росткор эътироф шудааст, ҳаёти ҷовидон хоҳад дошт. Бо имон сафедшудагон зинда хоҳанд буд.

**3,12** Шариат ба одамон пешниҳод намекунад, ки имон дошта бошанд. Он ҳатто ба онҳо кӯшиши ба ҷо овардани фармудаҳоро ҳам пешниҳод намекунад. Ҳамон тавре ки китоби Ибодат инро равшан таълим медиҳад, он итоати ҷиддӣ, пурра ва комилро талаб менамояд. Ин принсип ба имон муқобил аст. Шариат мегӯяд: «Анҷом деҳ ва зиндагӣ кун». Имон мегӯяд: «Бовар кун ва зиндагӣ кун». Дар ин

ҷо Павлус исбот менамояд: одами росткор бо имон зинда хоҳад буд. Одаме ки дар зери *шариат* аст, *бо имон* зиндагӣ намекунад. Барои ҳамин ҳам ӯ дар пеши Худо росткор нест. Ҳангоме Павлус мегӯяд: *«Касе ки онро ба ҷо меоварад, бо он зиндагӣ хоҳад кард»,* ӯ ҳақиқати назариявӣ ё идеалеро баён мекунад, лекин ба он муваффақ шудан ғайриимкон аст.

**3,13** Фидия додан маънои пул дода озод кардан ё бо пардохти арзиш озод карданро дорад. Савганди *шариат,* ё *лаънати* шариат марг, ҷазо барои иҷро накардани фармудаҳо мебошад. Масеҳ шахсони зери дасти шариатро, ки шариат аз онҳо пардохт бо маргро талаб мекард, наҷот дод. (Бешубҳа, Павлус ҷонишини *«моро»-ро* ба кор бурда, асосан дар бораи яҳудиёни имондор сухан меронад, ҳарчанд онҳо намояндагони ҳамаи башарият буданд.)

Синддилан Ҷоунс мегӯяд:

*Ғалотиён гумон мекарданд, ки Масеҳ барои нисфи гуноҳҳои онҳо фидия додааст ва бақияи онро онҳо бояд худашон бо хатна ва иҷрои расму оинҳои дигари яҳудиён пардохт намоянд. Аз ин ҷост, ки онҳо ба муаллимони дурӯғгӯй иҷозат медиҳанд, то масеҳият ва дини яҳудиро бо ҳам омехта, онҳоро гумроҳ созанд. Павлус дар ин ҷо мегӯяд (тибқи тарҷумаи Уэлсӣ): «Масеҳ моро пурра фидия дода халос намуд».*[10]

*Масеҳ* ба ҷои мардум мурда, ба ҷои гуноҳҳои онҳо ба ғазаби даҳшатноки илоҳӣ гирифтор шуда, онҳоро *фидия дода гирифт. Лаънат* ба Ӯ расид, чун ба Касе ки одамро бо Худ иваз намуд. Худи Ӯ гунаҳкор нашуд, вале гуноҳҳои одамон дар ӯ ҷойгир шуданд.

Масеҳ мардумро аз *лаънати шариат* на бо он бозхарид намуд, ки дар ҳаётии заминии Худ ҳамаи Даҳ фармударо аниқ иҷро мекард. Навиштаи Муқаддас таълим намедиҳад, ки аз ҷониби Ӯ пурра иҷро шудани шариат ба ҳисоби мо дароварда мешавад. Ӯ лаънати даҳшатноки шариатро дар марг паси сар карда, мардумро аз он наҷот дод. Бе марги Ӯ наҷот вуҷуд дошта наметавонист. Мувофиқи шариат, ҳангоме ки ҷинояткорони маҳкумшударо ба дор меовехтанд, ин аломати он буд, ки онҳо гирифтори лаънати Худо шудаанд (Так. Шар. 21,23). Дар ин порча Рӯҳулқудс пешгӯии онро мебинад, ки Наҷотдиҳанда ба ҷои офаридагони Худ гирифтори лаънат шуда мемирад. Ӯ дар байни замину осмон ба дор кашида шуда буд, мисли касе ки сазовори на ину на он буд. Дар бораи марги Ӯ дар салиб ҳамчун ба дор кашидан *дар дарахт* сухан меравад (Аъм. 5,30; 1Пет. 2,24).

**3,14** Худо ваъда дод, ки Иброҳимро баракат медиҳад ва ба василаи ӯ ҳамаи ҷаҳонро. *Баракати Иброҳим* ҳақиқатан наҷот бо файз аз рӯи имон аст. Аммо дар аввал музди гуноҳ бояд бо марг пардохта мешуд, чунон ки онро Худо талаб мекунад. Ва Худованд Исо гирифтори лаънат гардид, то ки Худо файзро ҳам ба яҳудиён ва ҳам ба ғайрияҳудиён паҳн намуда тавонад. Акнун дар Масеҳ (дар насли Иброҳим) *ғайрияҳудиён* баракат ёфтанд.

Ваъдаи Худо, ки ба Иброҳим дар Ҳастӣ 12,3 дода шуда буд, Рӯҳулқудсро зикр намекунад. Лекин дар ин ҷо Павлус бо илҳоми илоҳӣ ба мо мегӯяд, ки атои Рӯҳулқудс қисми паймони бешарти наҷот буд, ки Худо бо Иброҳим баст. Он дар он ҷо дар ҳолати ҷанинӣ буд. То замоне ки дар пеши роҳ шариат меистод, Рӯҳулқудс омада наметавонист. Пеш аз он ки Рӯҳ ато карда шавад, Масеҳ бояд мемурд ва дар ҷалол зинда мешуд (Юҳ. 16,7).

Сипас расул нишон дод, ки наҷот на ба василаи шариат, балки ба воситаи имон ба даст меояд, ва дар айни ҳол (1) ба таҷрибаи шахсии ғалотиён ва (2) шаҳодати Аҳди Қадим такя кард. Дар ин ҷо ӯ мисолро аз ҳаёти ҳаррӯза меорад.

Далелҳои дар ин қисм овардаи Павлусро ба тарзи зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст: Дар Ҳастӣ 12,3 Худо ваъда дод, ки дар Иброҳим ҳамаи қавмҳои заминро баракат медиҳад. Ин ваъдаи наҷот на танҳо яҳудиёнро, балки ғайрияҳудиёнро ҳам дар бар мегирифт. Дар Ҳастӣ 22,18 Худо ҳамчунин ваъда дод: «Ва ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ту баракат хоҳанд хост». Ӯ *«дар насли* ту»-ро на дар шакли ҷамъ, балки дар ба шакли танҳо гуфт. Худо дар бораи як Шахс сухан меронд, дар бораи Худованд Исои Масеҳ, ки насли мустақими Иброҳим буд (Луқ. 3,34). Ба ибораи дигар, Худо ваъда дод, ки ҳамаи халқҳоро – ҳам яҳудиён ва ҳам ғайрияҳудиёнро – ба василаи Масеҳ баракат медиҳад. Ин ваъда ҳеҷ гуна шартҳоро дар бар нагирифт, он ҳеҷ гуна амали нек ва итоат ба шариатро талаб намекард. Ин ваъдаи одиро танҳо бо имон қабул кардан лозим буд.

Шариат, ки пас аз 430 сол ба Исроил дода шуд, ба ваъда на шартҳоро илова карда ва на онро тағйир дода метавонист. Ҳатто дар корҳои инсонӣ ин тавр амал кардан аз рӯи инсоф намебуд, дар корҳои илоҳӣ бошад тамоман номумкин мебуд. Бинобар ин хулоса кардан мумкин аст, ки ваъдаи баракати Худо ба ғайрияҳудиён на ба василаи иҷрои шариат, балки ба василаи Масеҳ бо имон амалӣ мегардад.

**3,15** Дар корҳои инсонӣ, ҳангоме ки *васият* (паймон) имзо карда мухр зада шудааст, ба фикри касе намеояд, ки ҳуҷҷатро тағйир диҳад ё чизе ба он илова намояд. Агар ҳатто васиятномаи инсониро тағйир додан мумкин набошад, пас тағйир додани васиятномаи Худо албатта номумкин аст!

**3,16** Бе шубҳа, муаллимони бардурӯғи яҳудӣ исбот мекарданд, ки ҳарчанд аз қадим ваъдаҳо ба Иброҳим ва насли ӯ (ба халқи яҳудӣ) ба воситаи имон дода шуда буд, ба ҳар ҳол худи ҳамон халқи Исроил дар натиҷа тахти ҳукми шариат қарор гирифт. Бинобар ин ғалотиён, ҳарчанд онҳо аз аввал бо имон наҷот ёфтанд, ҳоло бояд Даҳ фармударо иҷро намоянд. Павлус ҷавоб медиҳад: *ваъдаҳо ба Иброҳим ва Насли ӯ* (дар шумораи танҳо) дода шуда буданд. «Насл» баъзан метавонад маънои ҷамъро дошта бошад, вале ба ҳар ҳол дар ин ҷо он як Нафарро ва маҳз Масеҳро дар назар дорад. (Худи мо, шояд, ҳеҷ гоҳ наметавонистем ин маъниро дар Аҳди Қадим пайдо намоем, вале Рӯҳи Худо моро маърифатнок мегардонад.)

**3,17** Худо ба Иброҳим ваъдаро бе ягон шарт дод; он ба амалҳои ӯ вобастагӣ надошт. Худо фақат розӣ шуд, ки ба Иброҳим Насл (Масеҳро) бахшад. Ҳарчанд Иброҳим фарзанд надошт, ӯ ба Худо бовар кард, ҳамин тавр ба омадани Масеҳ бовар карда, сафед карда шуд. Пайдо шудани шариат *баъд аз чорсаду сӣ сол* ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист ба *ваъдаи* наҷот таъсир гузорад. Шариат ваъдаро бекор карда наметавонист ва ба он ягон шарт ҳам илова карда наметавонист.

Шояд, муаллимони бардурӯғи яҳудӣ гумон мекарданд, ки шариате ки 430 сол баъд аз ваъда пайдо шуд, метавонист онро ботил гардонад. «Ба ҳеҷ ваҷҳ!» Павлус, моҳиятан, мегӯяд: «Ваъда мисли васият буд, он бо марг тасдиқ шудааст (қурбонии ваъда, Ҳас. 15,7-11; ҳамчунин ниг. Ибр. 9,15-22). Онро бекор кардан номумкин аст».

Чорсаду сӣ сол аз он замоне ҳисоб карда мешавад, ки Худо паймони Иброҳимро бо Яъқуб тасдиқ намуд, вакте ки ӯ мехост ба Миср ворид шавад (Ҳас. 46,1-4) ва то замони пайдошавии шариат идома меёбад (тақрибан се моҳ пас аз хуруҷ).

**3,18** *Мерос* ё аз рӯи имон бояд бошад, ё аз рӯи амал. Ҳам ину ҳам он якҷоя буда наметавонад. Навиштаи Муқаддас фаҳмо тасдиқ менамояд, ки мерос ба Иброҳим *аз рӯи ваъда* бе ягон шарт дода шуда буд. Бо наҷот ҳам кор ҳамин тавр сурат мегирад. Он ҳамчун ҳадя бе ягон шарт пешниҳод карда мешавад. Ҳар гуна ақидае ки гӯё барои ба даст овардани он кореро анҷом додан лозим аст, рад карда мешавад.

## В. Вазифаи шариат (3,19-29)

**3,19** *Шариат барои чист?* Агар, ҳамон тавре ки Павлус тасдиқ мекард, шариат ваъдаи ба Иброҳим додаи Худоро ботил намесозад ва ба он шартҳоро илова намекунад, пас *шариат барои чист?* Шариат барои он муқаррар шудааст, ки сирати ҳақиқии гуноҳро ошкор созад: ин ҷиноят мебошад. Гуноҳ пеш аз шариат ҳам буд, вале инсон то замони пайдо шудани шариат онро ҷиноят намешуморид. Ҷиноят вайрон кардани қонуни маълум мебошад.

Шариат ба мардуми гуноҳкор дода шуда буд. Онҳо ҳеҷ гоҳ бо риояи он росткор шуда наметавонистанд, чунки онҳо маҷоли итоат ба онро надоштанд. Шариат барои ба мардум нишон додани он муқаррар шуда буд, ки чӣ хел онҳо гуноҳкорони беилоҷ ҳастанд, ва водор созад, ки ба Худо илтиҷо намуда талаб намоянд, ки онҳоро бо файз наҷот диҳад. Паймони Худо бо Иброҳим ваъдаи бешарти баракат буд; шариат танҳо ба лаънат гирифтор мекард. Шариат нишон медод, ки то чӣ андоза мардум ба атои баракати бешарт сазовор нестанд. Агар одам сазовори баракат шавад ҳам, танҳо бо марҳамати Худо хоҳад шуд.

*Насл* Масеҳ аст. Барои ҳамин ҳам шариат ҳамчун чораи муваққатӣ то омадани Масеҳ дода шуда буд. Ба василаи Ӯ бояд баракати ба Иброҳим ваъдашуда меомад. Паймони байни ду тараф *миёнаравро* металабад. Шариат ду тарафи шартнома мебастаро ба кор даровард – Худо ва Исроилро. Мусо дар нақши миёнарав баромад мекард (Так. Шар. 5,5). Фариштагон

хабаррасонҳои Худо буданд, ки ба Мусо шариатро мерасонданд (Так. Шар. 33,2; Заб. 67,18; Аъм. 7,53; Ибр. 2,2). Миёнаравии Мусо ва фариштагон то чӣ андоза бузург будани масофаи байни Худо ва халқи Ӯро, ки ба ҳузури Худо тоб оварда наметавонад, нишон медиҳад.

**3,20** Агар танҳо як ҷониби созишкунанда мебуд ва ваъдае медод, ки ҳеҷ гуна шарт надорад ва он аз тарафи дигар ҳеҷ чизро тақозо намекунад, пас ҳоҷате ба *миёнарав намебуд*. Барои шариат лозим будани миёнарав онро нишон медиҳад, ки одам бояд қисмати шартномаи худро ба ҷо оварад. Дар ҳамин буд заифии шариат: он касонеро ба итоат даъват мекард, ки барои риояи он қувват надоштанд. Вақте ки *Худо* ба Иброҳим ваъда дод, Ӯ ягона ҷониби созишкунанда буд. Ва дар ҳамин аст қувваи ваъда: Ҳама чиз ба Худо вобаста буд, вале ба одам ҳеҷ чиз. Ҳеҷ гуна миёнарав вуҷуд надошт, чунки миёнарав лозим набуд.[11]

**3,21** Оё *шариат ваъдаҳоро* ба як сӯ тела дода, ҷои онҳоро гирифт? *Ба ҳеҷ сурат!*

Зеро, агар додани шариате мумкин мебуд, ки гуноҳкоронро ба камолоти мехостаи Худо расонда тавонад, пас, албатта, наҷот ба риояи шариат вобаста мебуд. Агар Худо худи ҳамон натиҷаро на бо чунин арзиши бузург ба даст оварда метавонист, Писари дӯстдоштаи Худро ба мурдан барои гуноҳкорон намефиристод. Лекин шариат вақти зиёд ва халқи зиёд дошт, то нишон диҳад, ки гуноҳкоронро наҷот дода наметавонад. Ба ҳамин маъно вай «бо айби ҷисм суст шуда» буд (Рум. 8,3). Танҳо коре ки шариат анҷом дода метавонист, ин аст, ки ба мардум вазъияти беилоҷи онҳоро нишон диҳад ва фаҳмонад, ки наҷот танҳо атои файзи Худо буда метавонад.

**3,22** Аҳди Қадим нишон дод, ки ҳамаи мардум, аз ҷумла таҳти шариат будагон, гуноҳкоранд. Ҳамин тавр, одамро ба гуноҳкориаш бовар кунондан лозим буд, то *ба воситаи имон ба Исои Масеҳ ваъдаи* наҷот *ба имондорон ато шавад*. Калимаҳои муҳими ояти 22 «имон», «ато шавад» ва «ба имондорон» мебошанд. Ҳеҷ гуна зикри «амалҳо» ё «иҷрои шариат» нест.

**3,23** *Имон* дар ин ҷо бовари масеҳӣ мебошад. Он ба давраe дахл дорад, ки фаро расидани он бо марг, дафн ва боло рафтани Худованд Исо ва мавъизаи Хушхабар дар рӯзи Пантикост хабар дода шуд. То ин вақт яҳудиён *зери дасти посбонии шариат буданд,* гӯё дар зиндон ё таҳти назорат бошанд. Талаботи шариат онҳоро ҳамчун девор иҳота карда буданд, аммо азбаски онҳо он талаботро иҷро карда наметавонистанд, барои онҳо ягона роҳи наҷот *бо имон* мемонд. Халқе ки таҳти шариат буд, ба ҳамин тариқ, дар ҳабс буд, то замоне ки Хушхабар хабари пурҷалоли озодӣ аз ғуломии шариатро эълон кард.

**3,24** *Шариат* чун нигоҳдоранда ва роҳбари кӯдакон, ё чун *асокаши*[12] кӯдакон тасвир карда мешавад. Ҳамин тарз ғояи таълим таъкид карда мешавад; дарсҳои шариат ба покии Худо, гуноҳкории одам ва зарурати кафорат бахшида мешуданд. Дар ин ҷо ин калима касеро ифода мекунад, ки шогирдонро таълим медиҳад ва умуман хурдсолон ё онҳоеро, ки ба балоғат нарасидаанд, нигаҳбонӣ мекунад.

Оят таълим медиҳад, ки шариат то омадани *Масеҳ* ё то ибтидои хизмати ошкорои Ӯ нигаҳбони яҳудиён буд. Ба як маъное шариат халқи Исроилро ба шарофати қоидаҳои вобаста ба никоҳ, моликият, хӯрок ва ғайра чун миллати алоҳида нигоҳ дошт. Ҳангоме ки «имон» омад, он дар навбати аввал ба ин халқ, ки дар давоми асрҳо ба таври муъҷизаосо нигаҳбонӣ ва васоят карда мешуд, эълон карда шуд. Ба воситаи *имон* сафед шудан дар асоси коре ки Масеҳ ба амал овард, ваъда шуда буд.

**3,25** Шариат *асокаш* аст, аммо аз он даме ки *имони* масеҳӣ омад, имондорони яҳудӣ дигар *зери дасти* шариат нестанд. Хусусан ғайрияҳудиён, ба монанди ғалотиён, ки ҳеҷ гоҳ *зери дасти асокаш* набуданд! Ояти 24 таълим медиҳад, ки одам ба воситаи шариат сафед карда намешавад; ояти 25 таълим медиҳад, ки шариат барои касе ки сафед шудааст, қоидаи зиндагӣ нест.

**3,26** Аҳамият диҳед, ки ин ҷо ҷонишини «мо» ба «шумо» табдил меёбад. Оиди яҳудиён чун оиди «мо» сухан ронда, Павлус нишон медод, ки онҳо то омадани Масеҳ зери дасти шариат буданд. Шариат онҳоро чун халқи алоҳидае ки ба онҳо сафедшавӣ ба воситаи имонро мавъиза намудан мумкин хоҳад буд, нигоҳ медошт. Ҳангоми сафед карда шудан онҳо аз шариат озод карда шуданд ва фарқи махсуси онҳо чун яҳудиён барҳам хӯрд. Ҷонишини «*шумо*» аз ин оят ва то охири боб яҳудиёни наҷотёфта ва ҳам ғайрияҳудиёни наҷотёфтаро

дар бар мегирад. Ин гуна одамон *ҳама ба воситаи имон ба Масеҳ писарони Худо* ҳастанд.

**3,27** Иттиҳод бо *Масеҳ,* ки ҳангоми бовар кардан баста мешавад, дар таъмиди обӣ эътироф карда мешавад. Таъмид одамро узви Масеҳ ё вориси Подшоҳии Худо намекунад. Ин дар назди омма худро бо Масеҳ монанд кардан мебошад ва Павлус оиди ин чун «дар бар кардан»-и *Масеҳ* мегӯяд. Чунон ки аскар либоси аскарӣ пӯшида, оиди мансубияти худ ба лашкар изҳор мекунад, масеҳӣ низ таъмиди обӣ гирифта, дар хусуси ба Масеҳ тааллуқ доштанаш изҳор мекунад. Бо ин амал ӯ дар назди омма итоатро ба роҳбарӣ ва қудрати Масеҳ ифода мекунад. Вай возеҳан нишон медиҳад, ки ӯ писари Худост.

Албатта, расул дар назар надорад, ки таъмиди обӣ одамро бо Масеҳ мепайвандад. Ин даст кашидан аз тезиси асосии вай мебуд: наҷот танҳо ба воситаи имон аст.

Аз эҳтимол дур аст, ки ин ҷо Павлус оиди таъмид бо Рӯҳ, ки он масеҳиро ба Бадани Масеҳ мепайвандад (1Қур. 12,13), мегуфта бошад. Таъмид бо Рӯҳулқудс намоён нест. Дар он чизе нест, ки бо «дар бар намудан»-и Масеҳ дар назди омма мувофиқат мекарда бошад.

Ин таъмид *ба* Масеҳ аст. Ҳамон тавре ки яҳудиён ба Мусо таъмид ёфта, вайро пешвои худ эътироф менамуданд, ҳамин тавр масеҳиён ҳам имрӯз ба Масеҳ таъмид меёбанд ва нишон медиҳанд, ки Ӯро ҳамчун Худованди ҳақиқӣ эътироф менамоянд.

Таъмиди имондор ҳамчунин маънои дафни ҷисм ва саъйи ӯ барои расидан ба росткориро дорад. Масеҳӣ ба итмом расидани ҳаёти гузашта ва оғози ҳаёти навро эълон мекунад. Бо таъмиди обӣ ғалотиён эътироф мекарданд, ки ҳамроҳи Масеҳ мурданд ва бо Ӯ дафн шуданд. Чунон ки Масеҳ барои шариат мурд, онҳо низ барои шариат мурданд ва бинобар ин бояд дигар ба он чун ба қоидаи зиндагӣ барнагарданд. Чунон ки Масеҳ бо марги Худ фарқи байни яҳудиён ва ғайрияҳудиёнро нест кард, ҳамин тавр онҳо низ барои ҳама гуна фарқҳои миллӣ мурданд. Онҳо *Масеҳро дар бар кардаанд* ба он маъное ки акнун комилан ҳаёти нав ба сар мебаранд – ҳаёти Масеҳро.

**3,28** Шариат дар байни ин миллатҳо тафовут мегузошт. Масалан, Такрори Шариат 7,6 ва 14,1.2 ба фарқи байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён исрор менамояд. Яҳудӣ дар дуои бомдодии худ Худоро барои он сипосгузорӣ мекард, ки Ӯ вайро ғайрияҳудӣ, ғулом ё зан наофарид. *Дар Исои Масеҳ* ин фарқҳо ба он маъно аз байн мераванд, ки Худо ҳамаро қабул менамояд. Яҳудӣ аз ғайрияҳудӣ беҳтар дониста намешавад, ба озод бештар аз хизматгор илтифот намекунанд ва мард нисбат ба зан дорои имтиёзи бештар нест. Ҳамаи онҳо дар як сатҳ қарор доранд, чунки онҳо *дар Исои Масеҳ ҳастанд*.

Ба ин оят маънои дар он набударо илова кардан мумкин нест. Дар ҳаёти ҳаррӯза (оиди хизмати ҷамъиятӣ дар ҷамоат нагӯем ҳам) Худо дар байни мард ва зан фарқ мегузорад. Дар Аҳди Нав ба ҳар яке аз онҳо дастуруламал вуҷуд дорад, дар он ҳамчунин ба ғуломон ва хоҷагон ҷудогона муроҷиат карда мешавад. Лекин агар сухан дар бораи баракати Худо равад, ҳамаи ин фарқҳо аҳамият надоранд. Аз ҳама муҳимаш *дар Исои Масеҳ* будан аст. (Ин ба мавқеи мо дар осмон тааллуқ дорад, вале на дар замин.) Дар пеши Худо яҳудии имондор ба ҳеҷ ваҷҳ аз ғайрияҳудии имондор волотар нест! Ҷоветт мегӯяд: «Ҳамаи фарқҳои аз тарафи шариат муқарраргардида дар қабри умумие ки Худо пешбинӣ карда буд, дафн карда шудаанд». Барои ҳамин ҷустуҷӯ кардани қудсияти бештар ва барқарор намудани фарқе ки аллакай аз тарафи Масеҳ нест карда шудаанд, барои масеҳиён беақлона аст.

**3,29** Ғалотиён барғалат гумон мекарданд, ки агар шариатро иҷро кунанд, аз насли Иброҳим шуда метавонанд. Павлус ба дигар чиз ишорат мекунад. Насли Иброҳим Масеҳ аст; мероси ба Иброҳим ваъдашуда дар Исои Масеҳ амалӣ шуд. Ҳангоме ки гуноҳкорон ба Ӯ бовар мекунанд, онҳо бо Ӯ якто мешаванд. Ҳамин тавр онҳо *насли Иброҳим* мешаванд ва ворисӣ ҳамаи баракатҳои Худо мегарданд.

## Ғ. Фарзандон ва писарон (4,1-16)

**4,1-2** Дар ин тасвир оиди падари сарватманде сухан меравад, ки мехоҳад ҳангоме писараш ба балоғат мерасад, идоракунии молу мулкашро ба вай диҳад. Лекин *ворис, то даме ки кӯдак аст,* мақоми ӯ аз мақоми *ғулом* ҳеҷ фарқ намекунад. Ба ӯ ҳамеша мегӯянд, ки он корро кун ва ин корро накун. Ӯ дар зери дасти *амалдорон* аст, ки молу мулки вайро идора

мекунанд, ва *васиён,* ки дар бораи худи ӯ ғамхорӣ менамоянд. Ҳамин тавр, бо вуҷуди он ки мерос бе шубҳа ба ӯ тааллуқ дорад, вай то замони ба балоғат расиданаш онҳоро зери дасти худ дароварда наметавонад.

**4,3** Вазъияти яҳудиён зери дасти шариат худи ҳамин тавр буд. Онҳо *кӯдак буданд,* шариат ҳамон тавре ки ба ғуломон фармон медод, ба онҳо ҳам фармон медод. Онҳо *ғуломи аносири ҷаҳон,* яъне *ғуломи* принсипҳои асосии дини яҳудӣ буданд. Маросимҳо ва одатҳои дини яҳудӣ барои онҳое муқаррар шуда буданд, ки Худо Падарро чунон ки Ӯ дар Масеҳ зоҳир шуд, намедонистанд. Инро бо кӯдаке ки бо кубикҳо бозӣ карда ё чизҳоро аз рӯи тасвирҳо шинохта, ҳарф ба ҳарф хонданро ёд мегирад, қиёс кардан мумкин аст. Шариат пур аз сояҳо ва нақшҳое буд, ки ба ҳиссиёти рӯҳонӣ ба воситаи ҳиссиёти ҷисмонӣ ва зоҳирӣ муроҷиат мекард. Яке аз намунаҳои ин хатна мебошад. Дини яҳудӣ ҷисмонӣ, зоҳирӣ ва кӯтоҳмуддат буд; масеҳият рӯҳонӣ, дохилӣ ва ҳамешагӣ мебошад. Ин зуҳуроти берунӣ барои касоне ки дар *кӯдакӣ* буданд, шакли ғуломкунӣ буд.

**4,4** *Пуррагии замон* ба замоне тааллуқ дорад, ки Падари Осмонӣ муқаррар кардааст, замоне ки ворисон ба балоғат мерасанд (ниг. о. 2).

Дар ин оят бо якчанд калима тасдиқоти бузурге баён шудааст, ки ба моҳияти илоҳӣ ва инсонии Наҷотдиҳанда тааллуқ доранд. Ӯ Писари абадии Худост; вале ба ҳар ҳол Ӯ *аз зан таваллуд ёфтааст.* Агар Исо танҳо инсон мебуд, барои гуфтани он ки ӯ *аз зан таваллуд ёфтааст,* ҳоҷат намебуд. Дигар ба кадом роҳ инсон метавонад зода шавад? Ин ифода дар истифода нисбати Худованди мо беназирии Шахсияти Ӯ ва ба таври муъҷизанок зода шудани Ӯро нишон медиҳад.

Азбаски Ӯ ба ин ҷаҳон яҳудӣ зода шуд, пас, *зери дасти шариат буд.* Ҳамчун Писари Худо, Исо ҳеҷ гоҳ зери дасти шариат набуд; охир онро Худи Ӯ таъсис додааст-ку. Лекин дар файзи афзуни Худ, Худи Ӯ *зери дасти шариате буд,* ки Худаш таъйин кардааст, то ки онро дар зиндагии Худ муаззам гардонад ва лаънати онро дар марги Худ ба дӯш гирад.

**4,5** Шариат аз онҳое ки онро иҷро карда натавонистанд, фидия талаб мекард фидия бо марг. Пеш аз он ки Худо мардумро писарони Худ карда тавонад, бояд ин маблағ пардохта мешуд. Барои ҳамин ҳам Худованд Исо ҳамчун Одами ба халқи яҳудӣ тааллуқдошта ба ҷаҳон омада, ин маблағеро, ки шариат талаб мекард, пардохт намуд. Ӯ Худост ва барои ҳамин ҳам қимати марги ӯ беҳад бузург аст, яъне барои пардохти музди гуноҳи ҳар гуна шумораи гуноҳкорон кифоя аст. Ӯ Одам аст ва барои ҳамин метавонист ба ҷои одам бимирад. Ҷоветт мегӯяд: «Масеҳ, ки аз рӯи табиати Худ Писари Худост, Писари Одам шуд, то мо, ки аз рӯи табиати худ писарони одам ҳастем, писарони Худо шуда тавонем. Додугирифти шигифтангез!»

То замоне ки одамон ғулом буданд, писар шуда наметавонистанд. Масеҳ онҳоро аз ғуломии шариат озод кард, то онҳоро ба писарӣ қабул кардан мумкин шавад. Ба фарқи суханони «фарзанди Худо шудан» ва *«писари* Худо шудан» таваҷҷуҳ намоед (муқ. намоед Рум. 8,14.16). Масеҳӣ дар оилаи Худо ҳамчун фарзанд – тифл, кӯдак ба дунё меояд (ниг. Юҳ. 1,12). Дар ин ҷо задаи маъноӣ на ба имтиёзот ва масъулияти вазъияти писар, балки ба худи факти зода шудани илоҳӣ гузошта мешавад. Масеҳиро ба оила ҳамчун *писар* ба фарзандӣ қабул мекунанд. Ҳар як масеҳӣ фавран писар мешавад ва ба мероси ба вай муносиб ворид карда мешавад. Ҳамин тариқ, пандҳои Аҳди Нав ба масеҳиён дар назар надоранд, ки муқаддасон дар кӯдакӣ мебошанд. Ба онҳо чун ба писароне ки ба камол расидаанд, муроҷиат мекунанд.

Дар маданияти румӣ ба *писарӣ қабул кардан* аз замони ҳозира фарқ мекард. Аз рӯи тасаввуроти мо писархондкунӣ гирифтани кӯдакӣ бегона аст, то ки вай аз они мо шавад. Лекин дар Аҳди Нав писархондкунӣ масеҳиёнро ба мавқеи писарони баркамол гузоштан, ба онҳо ҳамаи имтиёзҳо ва тамоми ҷавобгарии чунин мавқеъро додан аст.

**4,6** Барои он ки *писарони* Худо тамоми бузургии ин мавқеъро фаҳманд, дар рӯзи Пантикост *Худо Рӯҳулқудс*ро *фиристод,* то Ӯ дар онҳо сокин бошад. Рӯҳ ба муқаддасон дарки писар будани онҳоро медиҳад, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, то ба Худо чун ба *Падар* муроҷиат кунанд. *«Або, Падар».* Шакли маълуми муроҷиат аст, ки дар он ду калимаи арамӣ ва юнонӣ, ки «падар»-ро ифода мекунанд, пайваст мешаванд. Ҳеҷ як ғулом ба сардори

оила чунин муроҷиат карда наметавонист; ин суханро танҳо аъзоёни оила истифода бурда метавонистанд ва он муҳаббат ва бовариро нишон медод. Ба пайдо шудани ҳамаи Шахсиятҳои Ваҳдати Сегона дар ин оят аҳамият диҳед *Рӯҳ, Писар* ва *Падар* – маҳз дар чунин тартиб.

**4,7** Масеҳӣ *дигар ғулом нест;* вай дигар зери дасти шариат намебошад. Акнун вай *писари* Худост. Азбаски Масеҳ чун Писари Худо вориси тамоми сарватҳои Худо мебошад, пас масеҳӣ *вориси Худо ба василаи (Исои) Масеҳ аст.*[13] Ба Ӯ ҳама чизе ки Худо дорад, тааллуқ дорад, аз рӯи имон тааллуқ дорад.

Дар мактабҳои раввинҳо дар Исроили ҳозира ба донишҷӯ то дами чилсола шуданаш иҷозат намедиҳанд, ки Суруди сурудҳои Сулаймон ё Ҳизқиёл 1-ро хонанд. Суруди Сулаймон барои хиради ҷавон аз ҳад зиёд ошкоро шаҳватпарастона ба ҳисоб меравад, боби 1 Ҳизқиёл бошад тасвири ҷалоли Худои покро дар бар мегирад. Дар Талмуд нақл карда мешавад, ки ҳангоме кадом як каси аз чилсола хурдтар Ҳизқиёл 1-ро хонда сар кард, аз саҳифаҳо оташ баромад ва ӯро фурӯ бурд. Ин дар бораи чӣ мегӯяд? Шахсе ки зери дасти шариат аст, то чилсолагӣ мард ҳисобида намешавад. («Бар-митсва»-и машҳур дар синни сездаҳсолагӣ фақат писараки яҳудиро ба «писари паймон» табдил медиҳад – чунин аст маънои ин истилоҳ яъне ба вай уҳдадории риояи шариатро вогузор менамояд.) Марди ортодоксии яҳудӣ то чилсола хурд ҳисобида мешавад.

Бо масеҳиён дар файз чунин нест. Дар он лаҳзае ки онҳо наҷот ба даст меоваранд, онҳо ба тамоми мерос соҳиб мешаванд. Ба онҳо чун ба писарон ва духтарони ба балоғат расида муносибат мекунанд ва тамоми Навиштаи Муқаддас ба онҳо тааллуқ дорад, то ки онҳо онро хонда тавонанд, аз он лаззат баранд ва ба вай итоат намоянд.

Дар партави ин ҳақиқатҳо насиҳати Ҳаррисон хеле бамаврид менамояд:

*Зодаи муҳаббати Ӯ, ҳама чиз аз они туст. Ӯ дар ин бора ба ту дар 1Қуринтиён 3,22.23 мегӯяд, то ту дарк карда тавонӣ, ки ин сарватҳо чӣ гунаанд, чӣ андоза онҳо аз ҳудуди фаҳмиш ва тасаввуроти ту болотаранд. Дар хусуси ҷаҳон андеша намо. Агар он аз они Ӯ ва ту набошад, пас аз они кист? Пас чун подшоҳ зиндагонӣ намо.*[14]

**4,8** Ғалотиён замоне ба бутҳо хизмат мекарданд. Онҳо то имон овардан бутпараст буданд ва бутҳои сангин ва чӯбинро ибодат мекарданд – худоёни қалбакиро. Акнун онҳо аз нав ба ғуломӣ бармегаштанд – ба ғуломии шариат.

**4,9** Онҳо рафтори худро чӣ тавр шарҳ дода метавонистанд? Онҳо *Худоро* дарк намуданд ё, агар Ӯро амиқ ва дар таҷрибаи шахсиашон дарк накарда бошанд ҳам, пас, ақаллан, *Худо* онҳоро *мешиносад,* яъне наҷот ёфтанд. Ва ба ҳар ҳол онҳо аз қудрат ва сарвати Ӯ (ки онро онҳо мерос гирифтанд) сӯи *он қоидаҳои нотавону беарзиш* баргаштанд, ба он чи бо шариат алоқаманд аст: масалан, хатна, рӯзҳои пок ва парҳез аз хӯроки муайян. Онҳо аз нав худро ба он чи наҷот намедиҳад, сарватманд карда наметавонад, ва танҳо бенаво карда метавонад, *ғулом карданд.*

Павлус шариат ва маросимҳои онро чун *нотавону беарзиш* муайян менамояд. Қонунҳои Худо дар замони худ ва дар ҷои худ хуб буданд, лекин ҳангоме ки бо онҳо Худованд Исоро иваз карданӣ мешуданд, онҳо ошкоро монеа буданд. Аз Масеҳ ба шариат баргаштан бутпарастист.

**4,10-11** Ғалотиён тақвими яҳудиро бо шанбеҳои он, идҳояш ва *фаслҳои* солаш риоя мекарданд. Павлус барои онҳое изҳори тарс мекунад, ки худро масеҳӣ меноманд, лекин дар айни замон мекӯшанд лутфи Худоро бо роҳи риояи шариат ба даст оваранд. Ҳатто одамони аз нав зоданашуда *рӯзҳо, моҳҳо, фаслҳо ва солҳоро* риоя карда метавонанд. Баъзеҳо аз он қаноатмандии амиқ эҳсос менамоянд, ки ягон чизро бо қувваи худ карда метавонанд, то сазовори таҳсини Худо гарданд. Лекин ин онро дар назар дорад, ки дар одам ягон хел қувва ҳаст, яъне, то ба андозаи муайян ба онҳо Наҷотдиҳанда лозим нест.

Агар Павлус чунин чизро ба ғалотиён навишта метавонист, пас вай ба онҳое ки имрӯзҳо худро масеҳӣ меноманд, лекин мекӯшанд бо риояи шариат покиро ба даст оваранд, чӣ менавишт? Магар вай анъанаҳои аз дини яҳудӣ ба масеҳият дохилшударо маҳкум намекард: ба василаи дастгузорӣ рутбаи динӣ додан, либосҳои махсус барои рӯҳониён, риояи шанбе, ҷойҳои муқаддас, шамъҳо, оби муқаддас ва ба ин монанд чизҳо?

**4,12** Аз афташ, ғалотиён онро фаромӯш карданд, ки ҳангоме Павлус бори аввал ба

онҳо Хушхабарро мавъиза намуд, чӣ тавр аз вай миннатдор буданд. Бо вуҷуди ин, бо вуҷуди хатоҳои онҳо ва тарси худаш барои онҳо, Павлус ба онҳо *«бародарон»* гуфта муроҷиат менамояд. Павлус пештар яҳудии зери дасти шариат буд. Лекин дар Масеҳ вай аз шариат озод шуд. Бинобар ин вай мегӯяд: *«Мисли ман бошед,* аз шариат озод, ки дар зери қудрати вай зиндагонӣ намекунад». Ғалотиёни бутпараст ҳеҷ гоҳ зери қудрати шариат набуданд, ҳозир ҳам зери он набуданд. Ба ҳамин тариқ, расул мегӯяд: *«Ман мисли шумо* шудам. Ман, яҳудӣ, акнун аз он озодӣ аз шариат, ки ҳамеша дар шумо, бутпарастон буд, истифода мебарам».

*Шумо маро ҳеҷ озор надодаед.* На он қадар аниқ аст, ки Павлус ин ҷо чиро дар назар дорад. Эҳтимол, вай мегӯяд, ки аз муносибати онҳо ба вай ҳеҷ гуна ранҷиши шахсӣ эҳсос намекард. Аз вай ба муаллимони дурӯғгӯй рӯ овардани онҳо зарбае буд на он қадар шахсан ба вай, балки бештар ба ҳақиқати Худо ва бинобар ин зарба ба худи онҳо.

**4,13** Павлус *дафъаи аввал* ба онҳо *дар нотавонии ҷисм башорат дод.*[15] Худо аксар барои иҷроиши корҳои Худ аслиҳаи суст, паст, назарногирро истифода мебарад, то ки ҷалол ба Ӯ тааллуқ дошта бошад, на ба одам.

**4,14** Беморӣи Павлус барои вай ва барои онҳое ки ӯро гӯш мекарданд, *озмоиш* буд. Аммо ғалотиён расулро аз барои намуди зоҳирӣ ё нутқаш рад накарданд. Баръакс, онҳо вайро *мисли фариштаи Худо,* яъне чун муждабари аз тарафи Худо фиристодашуда ва ҳатто *мисли* Худи *Исои Масеҳ* қабул намуданд. Азбаски вай Худовандро намояндагӣ мекард, онҳо вайро чунон ки Худовандро қабул мекарданд, ҳамон хел қабул карданд (Мат. 10,40). Онҳо мавъизаи Павлусро чун худи Сухани Худо қабул намуданд. Барои ҳамаи масеҳиён ин бояд чун дарси ибрат хизмат намояд, ки бо муждабарони Худованд чӣ гуна муносибат намудан лозим аст. Ҳангоме ки мо онҳоро самимона пазироӣ мекунем, мо ба Худованд ҳам чунин пазироӣ мекунем (Луқ. 10,16).

**4,15** Хушхабарро дафъаи аввал шунида, онҳо фаҳмиданд, ки вай ба ҷонҳои онҳо чӣ гуна ҳаловат мерасонад. Онҳо чунон миннатдор буданд, ки, агар ин имконпазир мебуд, ба Павлус *чашмони худро* медоданд. (Ин ишорат ба он буда метавонад, ки «неш дар ҷисм» барои Павлус беморӣи чашм буд). Лекин ин ҳисси миннатдорӣ акнун дар куҷост? Мутаассифона, он чун шабнами саҳарӣ бухор шуда рафт.

**4,16** Муносибати онҳо ба Павлус аз чӣ чунин тағйир ёфт? Вай монанди аввала, барои *ростии* Хушхабар боэҳтимом мубориза бурда, худи ҳамон хабарро мавъиза мекард. Агар ҳамин ӯро ба онҳо *душман* карда бошад, пас вазъияти онҳо дар ҳақиқат хатарнок буд.

## Ғ. Ғуломӣ ё озодӣ (4,17–5,1)

**4,17** Сабабҳои водоркунандаи муаллимони дурӯғгӯй ва Павлус тамоман аз ҳам фарқ доштанд: Онҳо мехостанд, ки мардум онҳоро пайравӣ намоянд, дар ҳоле ки вай беҳбудии рӯҳонии ғалотиёнро мехост (4,17-20). Муаллимони дурӯғгӯй бо ҷидду ҷаҳд мекӯшиданд муҳаббати ғалотиёнро ба даст оваранд, лекин онҳо самимӣ набуданд. Онҳо *мехостанд онҳоро ҷудо кунанд.* Диндорони яҳудӣ ғалотиёнро аз расул Павлус ва муаллимони дигар ҷудо кардан мехостанд. Онҳо пайравонро ба даст овардан мехостанд ва, ба ин муваффақ шуда, мекӯшиданд фирқа ташкил намоянд. Стотт пешакӣ меогоҳонад: *«Ҳангоме ки масеҳиятро ба ғуломии қоидаҳо ва қонунҳо табдил медиҳанд, қурбониҳо, фармонбардор ва бандагони муаллимони худ гардида, чунон ки ин дар асрҳои миёна буд, ногузир итоат мекунанд».*[16]

**4,18** Аслан Павлус мегӯяд: «Ман зид нестам, бигзор дигарон дар ҳаққи шумо ғамхорӣ намоянд, ҳатто вақте ки ман назди шумо набошам, агар инро бо андешаҳои нек ва барои кори *хайр* кунанд».

**4,19** Павлус ғалотиёнро *фарзандони* худ номида, ба онҳо хотиррасон менамояд, ки маҳз вай онҳоро назди Масеҳ овард. Вай аз нав барои онҳо ба азоби зоидан гирифтор мешавад, ин дафъа на бахри наҷоти онҳо, балки барои он ки дар онҳо *Масеҳ сурат бандад.* Монандӣ ба Масеҳ мақсади охирин аст, ки онро Худо дар назди халқи худ мегузорад (Эфс. 4,13; Кул. 1,28).

**4,20** Ин оят онро фаҳмонида метавонад, ки Павлус аз вазъияти воқеии ғалотиён мутаҳайир аст. Аз ҳақиқат дур шудани онҳо ӯро *дар ҳайрат* мононд. Вай мехост имконияти *тағйир додани овози* худ ё оҳанги худро дошта бошад ва ошкоро ба онҳо фаҳмонад, ки

онҳо дар чӣ айбдоранд. Эҳтимол, вай аз он дар ташвиш буд, ки онҳо ба Номаи вай чӣ гуна муносибат мекунанд. Вай бо онҳо шахсан суҳбат карданро афзал медонад. Он гоҳ вай, оҳанги *овози* худро тағйир дода, худро беҳтар ифода карда метавонист. Агар онҳо сарзанишҳои вайро дарк мекарданд, вай мулоим гап зада метавонист. Агар онҳо душманона ва пурошӯб мебуданд, вай сахтгир буда метавонист. Акнун бошад вай дар ташвиш буд; вай пешбинӣ карда наметавонист, ки аксуламали онҳо чӣ гуна хоҳад буд.

**4,21** Азбаски муаллимони бардурӯғи яҳудӣ Иброҳимро аз ҳад зиёд боло мебардоштанд ва исрор менамуданд, ки масеҳиён ба ибрати вай бояд пайравӣ намоянд ва хатна карда шаванд, Павлус ба таърихи хонадони Иброҳим рӯ меоварад, то нишон диҳад, ки шариатпарастӣ ғуломист ва онро бо файз омехтан лозим нест.

Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки вай писардор мешавад, агарчи ҳам Иброҳим, ҳам Соро, рӯйрост гӯем, барои фарзанддор шудан хеле пир буданд. Иброҳим ба Худо бовар кард ва бо ин сафед карда шуд (Ҳас. 15,1-6). Соро писари ваъдашударо интизор шуда бовариашро аз даст дод ва пешниҳод намуд, то ки Иброҳим аз канизи вай Ҳоҷар фарзанддор шавад. Иброҳим ба маслиҳати вай гӯш андохт ва Исмоил зода шуд. Ин ворис аз тарафи Худо ваъдашуда набуд, балки писари бесабрии Иброҳим, шаҳвати вай ва норасоии эътимод буд (Ҳас. 16).

Сипас, ҳангоме ки Иброҳим аллакай садсола буд, фарзанди ваъдашуда Исҳоқ зода шуд. Равшан аст, ки зода шудани вай мӯъҷиза буд: ин танҳо ба шарофати иқтидор ва қуввати Худо имконпазир гардид (Ҳас. 21,1-5). Дар зиёфати анъанавӣ ба муносибати аз сина ҷудо кардани Исҳоқ Соро дид, ки Исмоил писари вайро масхара мекунад. Бинобар ин вай ба Иброҳим фармуд, ки Исмоил ва модари вайро аз хона ронад ва гуфт: «... писари ин каниз бо писари ман Исҳоқ ворис нахоҳад буд» (Ҳас. 21,8-11). Чунин аст ҳикояте ки асоси далелҳои баъд аз ин овардаи расул гардид.

Калимаи *«шариат»* дар ин оят ба ду маънои гуногун истифода мешавад. Якумӣ ба шариат чун воситаи расидан ба муқаддасӣ, дуввумӣ ба китобҳои шариат дар Таврот (аз Ҳастӣ то Такрори Шариат), махсусан ба китоби Ҳастӣ дахл дорад. Павлус мегӯяд: *«Шумо, ки* бо риояи шариат лутфи Худоро ба даст овардан *мехоҳед, ба ман бигӯед: магар шумо ба* хабари китоби *шариат гӯш намеандозед?»*

**4,22-23** *Ду писар* Исмоил ва Исҳоқ мебошанд. *Каниз* Ҳоҷар, *озод* бошад Соро аст. Исмоил дар натиҷаи мудохилаи худсаронаи Иброҳим зода шуд. Исҳоқ бошад ба Иброҳим *ба ҳасби ваъдаи* Худо дода шуд.

**4,24** Дар ин ҳикоя *киноя* ҳаст; маънои он нисбат ба ин ки дар назари аввал менамояд, чуқуртар аст. Маънои ҳақиқии ҳодисаҳо равшан баён карда нашудааст, он дар назар дошта шудааст. Ба ҳамин тариқ, ҳикояи ҳақиқии Исмоил ва Исҳоқ ҳақиқати амиқи рӯҳониро ифода мекунад, ки онро Павлус дар ин ҷо шарҳ медиҳад.

Ду зан *ду аҳдро* ифода мекунанд: *Ҳоҷар* паймони шариат, Соро бошад паймони файзро. Шариат дар *кӯҳи Сино* дода шуда буд. Аҷаб бошад ҳам, калимаи «Ҳоҷар» дар забони арабӣ «санг, харсанг»-ро ифода мекунад ва кӯҳи Синоро ҳам арабҳо «Санг» меномиданд.

**4,25** Шариати дар *кӯҳи Сино* додашуда ғуломиро ба вуҷуд овард; ба ҳамин тариқ, *Ҳоҷар,* каниз тимсоли шариат аст. *Ҳоҷар* рамзи *Уршалим,* пойтахти халқи яҳудӣ ва маркази исроилиёни наҷотнаёфта мебошад, ки ҳанӯз мекӯшиданд бо риояи шариат росткориро ба даст оваранд. Онҳо *бо фарзандони худ,* бо пайравони худ *дар ғуломӣ мебошанд.* Исроилиёни нобоварро на бо Соро, балки бо Ҳоҷар, на бо Исҳоқ, балки бо Исмоил пайвастани Павлус тавсифи хеле нешдор аст.

**4,26** Пойтахти онҳое ки бо имон сафед карда шудаанд, *Уршалими* осмонист. *Ӯ модари ҳамаи* масеҳиён аст: ҳам яҳудиён, ҳам ғайрияҳудиён.

**4,27** Ин иқтибос аз Ишаъё 54,1 пешгӯии оиди он аст, ки дар шаҳри осмонӣ фарзандон нисбат ба Уршалими заминӣ зиёдтар мешаванд. Соро муддати хеле зиёд *нозой* буд. Ҳоҷар дар ин ҷо *шавҳардор* аст. Ба чӣ маъно мо бояд шодии минбаъдаи Соро, ё Уршалими осмониро фаҳмем? Ҷавоб дар он аст, ки *фарзандони* ваъда – ҳамаи онҳое (ҳам ғайрияҳудиён, ҳам яҳудиён), ки бо имон назди Худо меоянд – *хеле зиёдтаранд* нисбат ба фарзандони Ҳоҷар, ки зери дасти шариат мебошанд.

**4,28** Масеҳиёни ҳақиқӣ на бо иродаи одам ва на ба ҳасби ҷисм, балки аз Худо зода

мешаванд. На аслу насаби табиӣ муҳим аст, балки зодашавии муъҷизаосои илоҳӣ аз рӯи имон ба Худованд Исо.

**4,29** Исмоил Исҳоқро масхара мекард ва ҳамеша чунин буд, ки ба ҳасби ҷисм зодашудагон *ба ҳасби Рӯҳ таваллудёфтагонро пеш мекарданд*. Масалан, уқубатҳои Худованди мо ва расул Павлусро аз дасти одамони наҷотнаёфта ба ёд меоварем. Исҳоқро таҳқир намудани Исмоил ба мо гуноҳи на он қадар вазнин тобида метавонад, лекин ин дар Навиштаи Муқаддас навишта шудааст ва Павлус инро чун принсипи то ҳол амалкунанда баҳо медиҳад – душмании *ҷисм* ва *Рӯҳ*.

**4,30** Бигзор ғалотиён ба *Навиштаҳо рӯ* оваранд он гоҳ онҳо ин ҳукмро мешунаванд. Шариат ва файзро омехтан мумкин нест; баракати Худоро дар асоси комёбиҳои одамӣ ё саъю кӯшиши ҷисмонӣ мерос гирифтан ғайриимкон аст.

**4,31** Онҳое, ки ба Масеҳ эътимод намуданд, ба шариат чун ба воситаи ба даст овардани лутфи Худо вобаста нестанд. Онҳо фарзандони модари озоданд ва мавқеи иҷтимоии вайро мерос мегиранд.

**5,1** Ояти охирини боби 4 мавқеи масеҳиро тасвир менамояд: вай озод аст. Ояти якуми боби 5 ба амалия дахл дорад: вай бояд чун одами *озод* зиндагонӣ кунад. Дар ин ҷо фарқи байни шариат ва файз хеле хуб нишон дода шудааст. Шариат мегуфт: «Агар шумо бо амалҳои худ барои озодӣ ҳақ пайдо кунед, шумо озод мешавед». Лекин файз мегӯяд: «Шуморо бо арзиши бузургтарини марги Масеҳ озод намуданд. Барои шукргузорӣ ба Ӯ шумо бояд *дар озодие ки* онро ба шумо *Масеҳ* ато кард, *устувор истед*». Шариат фармон медиҳад, лекин қувва намедиҳад. Файз талаботи шариатро пешбинӣ мекунад ва баъд бо қудрати Рӯҳулқудс ба одам қуввате медиҳад, то чунон ки ба мавқеи вай муносиб аст, зиндагӣ кунад, ва барои он ки инро мекунад, ба вай мукофот медиҳад.

Чунон ки Ч. Ҳ. Макинтош мегӯяд, *«шариат аз он касе ки қувват надорад, қувват талаб мекунад ва агар вай онро зоҳир насозад, ба вай лаънат мехонад. Хушхабар ба он касе ки қувват надорад, қувват медиҳад ва ӯро дар зоҳир сохтани қуввват баракат»* [17] медиҳад.

*Ба ман шариат фармуд:*
*«Бидав ва зиндагӣ кун»,*
*лекин дар айни ҳол*
*ба ман на даст дод, на пой.*
*Хушхабар ба ман навигарии афзалтаре овард, фармуд:*
*«Парвоз бикун», ва ду бол дод.*

## III. АМАЛӢ: ПАВЛУС ОЗОДИИ МАСЕҲӢ ДАР РӮҲРО ҲИМОЯ МЕКУНАД (5,2–6,18)

### А. Хатари шариатпарастӣ (5,2-15)

**5,2** Шариатпарастӣ Масеҳро бефоида мегардонад. Муаллимони дурӯғини яҳудӣ исрор менамуданд, ки масеҳиёни ғайрияҳудиро баҳри наҷот хатна кардан зарур аст. Павлус бо тамоми эътибори расул сухан ронда исрор менамояд: Агар ба хатна такя карда шавад, *аз Масеҳ ҳеҷ нафъ* нахоҳад буд. Ҷек Ҳантер мегӯяд:

*Дар мавриди ғалотиён Павлус хатнаро чун амалиёти ҷарроҳӣ ё фақат чун расму русуми динӣ намеҳисобид. Он рамзи системаи наҷот бо амалҳои нек буд. Он хушхабари саъю кӯшиши одамиро берун аз файзи Худо эълон менамуд. Шариат дар он файзро танг карда мебаровард, Мусо бошад Масеҳро, зеро ба Масеҳ илова кардан аз Масеҳ кашида гирифтан аст. Масеҳе ки ба он чизе илова кардаанд, Масеҳи танг карда баровардашуда аст; Масеҳ ягона Наҷотдиҳанда, танҳо ва истиснокунанда аст. Хатна аз Масеҳ бурида шуданро ифода менамуд.*[18]

**5,3** Шариатпарастӣ талаб менамояд, ки одамон *тамоми шариатро* ба ҷо оваранд. Онҳое ки зери дасти шариатанд, паймонҳои сабукро қабул намуда, ҳамаи паймонҳои боқимондаро рад карда наметавонанд. Агар одам бо хатна шудан кӯшиши ба Худо мақбул шудан кунад, уҳдадорӣ қабул менамояд, ки *тамоми шариатро ба ҷо оварад*. Ҳамин тариқ, одам ё пурра зери дасти шариат аст, ё пурра аз шариат озод. Албатта, агар вай пурра зери дасти шариат бошад, пас Масеҳ барои вай ҳеҷ маъное надорад. Худованд Исо Наҷотдиҳандаи на танҳо *комил*, балки *истиснокунанда* ҳам мебошад. Дар ин оят Павлус на оиди онҳое сухан меронад, ки шояд дар гузашта хатна шуда буданд, балки танҳо оиди онҳое ки онро чун маросими барои пурра сафед шудан зарурӣ ба

ҷо оварда метавонанд, онҳое ки ба лутфи Худо уҳдадории риояи шариатро илова мекунанд.

**5,4** Шариатпарастӣ маҷбур мекунад, ки *Масеҳ* чун ягона умед ба росткорӣ тарк карда шавад. Ин оят боиси мубоҳисаи васеъ гардид. Маънидодҳои зиёди гуногун пешниҳод мешуданд, лекин ҳамаи онҳоро ба се гурӯҳи калони зерин муттаҳид намудан мумкин аст:

1. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки дар ин ҷо Павлус инро таълим медиҳад: одам дар ҳақиқат наҷот ёфта метавонад, баъд ба гуноҳ афтида ва ба ҳамин тариқ аз файз ҷудо шуда, барои ҳамеша ҳалок мешавад. Ин нуқтаи назар чун «таълимоти муртадӣ» маълум аст. Мо чунин таъбирро бо ду сабаби асоснок солим намеҳисобем: Аввалан, дар оят оиди наҷотёфтагоне ки гуноҳ мекарданд, гуфта нашудааст. Аслан дар ин ҷо умуман оиди гуноҳ кардан ҳеҷ чиз гуфта нашудааст. Дар ин оят аслан оиди онҳое гуфта шудааст, ки некахлоқона, боинсофона ва дуруст зиндагонӣ мекунанд ва бо ин ба наҷот ёфтан умед мебанданд. Ба ҳамин тариқ, ин порча онҳоеро, ки онро барои исботи таълимоти муртадӣ истифода мебаранд, чун бумеранг мезанад. Онҳо таълим медиҳанд, ки масеҳӣ бояд шариатро риоя намояд, ҳаёти комил ба сар барад ва ба ҳар тарз аз гуноҳ парҳез намояд, то ки наҷотро нигоҳ дорад. Лекин Навиштаи Муқаддас исрор менамояд, ки ҳар касе ки дар корҳои шариат ё бо саъю кӯшиши шахсиаш сафед шуданро меҷӯяд, *аз файз маҳрум мегардад.*

   Дуюм, ин маънидод мухолифи шаҳодати умумӣ, пайдарпайи Аҳди Нав оиди он аст, ки ҳар кӣ ба Худованд Исои Масеҳ ҳақиқатан имон дорад, ҷовидона наҷот дода шудааст, ва ягонто ҳам гӯсфанди Масеҳ ҳеҷ гоҳ талаф намешавад, ва наҷот на ба саъю кӯшиши сусти одам, балки пурра ба кори анҷомдодаи Наҷотдиҳанда вобаста аст (Юҳ. 3,16.36; 5,24; 6,47; 10,28).

2. Маънидоди дуюми оят чунин аст: Вай ба онҳое дахл дорад, ки дар ибтидо бо имон ба Худованд Исо наҷот дода шудаанд, лекин баъд худро ба шариат тобеъ кардаанд, то наҷоти худро нигоҳ доранд ё ба покӣ ноил шаванд. Дар ин ҳолат аз файз маҳрум шудан, чунон ки Филипп Моро гуфтааст, «рӯ гардонидан аз он аст, ки Худо муқаддасонашро бо амалҳои Рӯҳ комил мегардонад, ва кӯшиши ба ин ноил шудан бо риояи расму русуми зоҳирӣ ва маросимҳо, ки онро одамони ҷисмонӣ низ ба монанди муқаддасони Худо риоя карда метавонанд».

   Чунин нуқтаи назар ба Навиштаи Муқаддас мувофиқат намекунад, аввалан, аз он сабаб, ки дар ин оят на оиди масеҳиёне ки покиро меҷӯянд, балки аниқтараш, оиди наҷотнаёфтагоне гуфта мешавад, ки бо риояи шариат ба *сафедшавӣ* ноил шудан мехоҳанд. Ба суханони *«шумо, ки худро бо шариат сафед мекунед»* таваҷҷуҳ намоед. Ва, дуюм, чунин шарҳи оят имконияти дуршавии минбаъдаи наҷотёфтагонро аз Масеҳ дар назар дорад, ин бошад ба нуқтаи назари дуруст нисбати файзи Худо мувофиқ нест.

3. Маънидоди сеюм ин аст: Павлус оиди одамоне сухан меронад, ки худро масеҳӣ номида метавонанд, лекин дар айни ҳол аслан наҷот наёфтаанд. Онҳо мекӯшанд бо риояи шариат сафед шаванд. Расул ба онҳо мегӯяд, ки онҳо ду наҷотдиҳанда дошта наметавонанд; онҳо бояд ё Масеҳ, ё шариатро интихоб намоянд. Агар онҳо шариатро интихоб намоянд, пас аз Масеҳ чун ягона умед ба росткорӣ рӯ мегардонанд; онҳо *аз файз маҳрум гардиданд.* Инро Ҳогг ва Вайн равшан ифода менамоянд:

*Барои одам Масеҳ ё ҳама чиз, ё ҳеҷ чиз бояд бошад; Ӯ боварии маҳдуд ё садоқати нимкораро қабул намекунад. Одаме ки бо файзи Худованд Исои Масеҳ сафед карда шудааст, масеҳист; одаме ки сафедшавиро дар амалҳои шариат меҷӯяд, – масеҳӣ нест.*[19]

**5,5** Расул нишон медиҳад, ки умеди масеҳии ҳақиқӣ аз умеди шариатпараст хеле фарқ мекунад. Масеҳӣ умеди *росткориро* интизор аст. Вай умед дорад, ки ягон вақт Худованд меояд ва он гоҳ вай ҷисми ҷалолёфтаро ба даст меоварад ва дигар гуноҳ намекунад. Таваҷҷуҳ намоед: дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки масеҳӣ ба росткорӣ умед дорад; вай аллакай дар назди Худо ба василаи Худованд Исои Масеҳ росткор аст (2Қур. 5,21). Лекин вай он лаҳзаро интизор аст, ки худаш дар худ пурра

росткор мешавад. Вай на бо амалҳои худ, балки *бо рӯҳ* ва *бо имон* ба ин комёб шуданро умед дорад. Ҳамаи инро Рӯҳулқудс мекунад, масеҳӣ бошад фақат ба Худо нигоҳ мекунад бо имон ба он ки Ӯ ваъдаи додаашро ба амал меоварад. Баръакс, шариатпараст умед дорад бо меҳнати худ, бо иҷрои шариат ва риояи қоидаҳои динӣ росткориро сазовор шавад. Ин умед беҳуда аст, зеро бо чунин роҳ ба росткорӣ комёб шудан имкон надорад.

Таваҷҷуҳ намоед, ки Павлус оиди масеҳиёни ҳақиқӣ сухан ронда, дар ин оят ҷонишини «мо»-ро истифода мебарад, дар ҳоле ки дар ояти 4 вай ҷонишини «шумо»-ро истифода бурда, оиди онҳое сухан меронад, ки бо амалҳои шариат сафедшавиро меҷӯянд.

**5,6** Шариатпарастӣ ҳеҷ гуна *аҳамият надорад*. Агар одам *дар Исои Масеҳ* бошад (яъне вай масеҳист), *хатна* вайро беҳтар намекунад, *бехатнагӣ* бошад бадтар намекунад. Худо дар масеҳиён *имонеро, ки бо муҳаббат амал мекунад,* меҷӯяд. *Имон* пурра ба Худо умед бастани одам аст. *Имон* бефаъолият нест, вай худро дар хизматгузории фидокорона ба Худо ва одамон зоҳир менамояд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи чунин хизматгузорӣ *муҳаббат* аст. Ба ҳамин тариқ, *имон бо муҳаббат амал мекунад;* онро *муҳаббат* водор мекунад, на шариат. Дар Навиштаи Муқаддас чандин карат он ҳақиқатеро дидан мумкин аст, ки Худо ҳавасманди на расму русум, балки зиндагии ҳақиқатан росткорона аст.

**5,7** Шариатпарастӣ саркашӣ аз *ростӣ* аст. Ғалотиён зиндагии масеҳии худро хеле хуб шуруъ намуданд, лекин касе онҳоро *боздошт.* Инро муаллимони бардурӯғи яҳудӣ, шариатпарастон, расулони дурӯғин карданд. Муқаддасон таълимоти нодурусти онҳоро қабул намуда, *ростии* Худоро гӯш накарданд.

**5,8** Шариатпарастӣ таълимоти Худо нест. *Таъсир* дар ин ҷо бовар ё таълимотро ифода мекунад. *Даъваткунандаи шумо* Худост. Ба ҳамин тариқ, боварӣ ба он ки ба имони масеҳӣ хатна ва иҷроиши шариатро илова кардан лозим аст, на аз Худо мебароянд, балки аз иблис.

**5,9** Шариатпарастӣ ба бадии зиёдтар ва боз ҳам зиёдтар мебарад. *Хамиртуруш* дар Навиштаҳо рамзи бадист. Дар ин ҷо он ба таълими фосиди муаллимони яҳудӣ дахл дорад. Таъсир расонидани хамиртуруш ба хӯроке ки бо он алоқа мекунад, кори табиист. Ин ҷо дар ин бора барои нишон додани он гуфта шудааст, ки саҳви *андак* ногузир боиси саҳви бузург мешавад. Бадӣ ҳеҷ гоҳ беҳаракат нест. Вай бояд дурӯғи худро, онро бо дурӯғи боз ҳам бештар пур карда, муҳофизат намояд. Шариатпарастӣ чун сирпиёз аст – он ҳар қадаре ки бошад, онро ҳамеша эҳсос менамоӣ. Агар дар ҷамоат якчанд кас тарафдори таълими нодуруст бошанд, агар онҳо сахт маҳкум карда нашаванд, тарафдорони боз ҳам зиёдтаре пайдо мекунанд.

**5,10** Шариатпарастӣ ба онҳое ки онро таълим медиҳанд, маҳкумият меоварад. Павлус боварӣ дошт, ки ғалотиён таълимоти қалбакиро рад мекунанд. Боварии вай *дар Худованд* буд. Ин онро ифода карда метавонад, ки Худованд ба Павлус боовариро дар кори додашуда дод. Ё, Худовандро чунон ки вай медонад, дониста, ба он шубҳа накардан мумкин буд, ки Шубони Бузург гӯсфандони гумроҳшудаи Худро ба роҳи ҳақиқат бармегардонад, шояд ҳатто бо ёрии Номае ки онро Павлус ба онҳо менавишт.

Агар гап дар бораи худи муаллимони дурӯғин равад, пас онҳоро Худо ҷазо медиҳад. Таълимоти бардурӯғро таълим додан ва бо ҳамин вайрон кардани ҷамоат (1Қур. 3,17) хатарнок аст. Масалан, таълим додан оиди мумкин будани майпарастӣ хеле бадтар аз он аст, ки кас худ майпараст бошад, зеро муаллими дурӯғин хеле зиёд ба худ монандҳоро ба вуҷуд меоварад.

**5,11** Шариатпарастӣ *норозигӣ аз салибро* барҳам медиҳад. Ин ҷо Павлус ба айбномаи бемаънӣ, ки гӯё ҳатто вай баъзан зарурияти хатнаро таълим медод, ҷавоб медиҳад. Вайро то ба ҳол яҳудиён *таъқиб* мекунанд. Агар вай таълим додани *хатнаро* сар мекард, ин таъқибот фавран қатъ мешуданд, зеро ин маънои онро медошт, ки вай таълим додани *салибро* бас кард. Салиб боиси *норозигии* одам мегардад. Вай одамро таҳқир менамояд ё шасташро мегардонад, зеро ба вай мегӯяд, ки худи вай барои сазовори наҷот шудан ҳеҷ кор кардан наметавонад. Салиб барои ҷисм ва саъю кӯшиши вай ҷой ҷудо намекунад. Вай ба охир расидани корҳои одамро эълон менамояд. Агар Павлус, аз хатна сар карда, бо мавъизаи корҳо машғул мешуд, пас бо худи ҳамон вай тамоми маънои салибро хат мезад.

**5,12** Хоҳиши расулро оиди он ки вайронкунандагони оромӣ *аз байн бурда шаванд* (дар яке аз тарҷумаҳо худро ахта кунанд, ё худро буранд), маҳз айнан фаҳмидан мумкин аст. Вай мехоҳад, ки онҳо худро ахта кунанд. Онҳо, дигаронро хатна намуда, кордро чунон боэҳтимом истифода мебурданд; бигзор акнун ин корд онҳоро ахта кунад. Лекин, шояд ин суханонро ба маънои маҷозӣ фаҳмидан беҳтар аст; ба ибораи дигар, Павлус мехоҳад, ки ҳамаи муаллимони дурӯғин қатъиян аз ғалотиён ҷудо карда шаванд.

Хушхабари файзро ҳамеша дар он айбдор мекарданд, ки вай ба одамон мувофиқи хостаҳои зистанро иҷозат медиҳад. Одамон мегӯянд: «Агар наҷот танҳо аз рӯи имон бошад, пас рафтори одам баъдҳо идоранашаванда мегардад». Лекин расул дарҳол ба он ишорат менамояд, ки озодии масеҳӣ асло иҷозати гуноҳ карданро намедиҳад. Намуна барои масеҳӣ ҳаёти Худованд Исо аст, ва муҳаббат ба Масеҳ ӯро маҷбур месозад гуноҳро бад бинад ва покиро дӯст дорад.

Шояд ба Павлус махсусан лозим буд, ки хонандагони худро аз суиистифодаи озодӣ пешакӣ огоҳонад. Ҳангоме ки шариат одамонро як муддате бозмедошт, ва баъд ба онҳо озодӣ дода шуд, ҳамеша хатари аз ифроти ғуломӣ ба ифроти беэътиноӣ гузаштан ҳаст. Таносуби муносиб – ана он озодие ки байни шариат ва бебанду борӣ аст. Масеҳӣ аз шариат озод аст, лекин беқонун нест.

**5,13** *Озодии* масеҳӣ гуноҳро иҷозат намедиҳад, аниқтараш вай ба хизматгузории бомуҳаббат ҳавасманд мекунад. *Муҳаббат* чун қувваи ҳаракатдиҳандаи тамоми рафтори масеҳӣ намудор мешавад, дар ҳоле ки зери дасти шариат чунин қувва тарси ҷазо аст. Финдлӣ мегӯяд: «Ғуломони муҳаббат ҳақиқатан одамони озоданд».

Озодии масеҳӣ *дар Исои Масеҳ аст* (2,4), ин бошад ҳар гуна андешаи имконпазирро оиди он ки ин озодии гуноҳ карданро ифода мекарда бошад, истисно мекунад. Мо набояд озодии худро ба асос *барои ҳавасҳои ҷисм* табдил диҳем. Чунон ки лашкари ҳуҷумкунанда мекӯшад майдони такягоҳии соҳилиро ба даст оварад, то ки аз он ғасби минбаъдаи сарзаминро ба амал оварда тавонад, ҳамчунин ҷисм ҳам аз хурдтарин иҷозат истифода хоҳад кард, то ки доираи нуфузро васеъ намояд.

Озодии мо бояд дар чӣ ифода ёбад? Ана дар чӣ: «Бигзор ғуломони якдигар будан барои шумо одат гардад».

А. Т. Пиерсон мегӯяд:

*Озодии ҳақиқӣ танҳо дар итоат ба маҳдудиятҳои зарурист. Дарё танҳо байни соҳилҳо озодона ҷорӣ мешавад: бе онҳо вай танҳо паҳн шуда, ба оби истодаи лойолуд табдил меёбад. Сайёраҳо, агар онҳоро қонун идора намекард, ҳам худро ва ҳам коинотро вайрон мекарданд. Худи ҳамон қонуне ки моро чун девор дар дарун нигоҳ медорад, дигаронро дар берун нигоҳ медорад; маҳдудиятҳое ки озодии моро ба тартиб медароранд, ғайр аз ин, онро ҳимоя ва муҳофизат менамоянд. На назорат танҳо, балки назорати дуруст ва итоаткории хурсандона – одамро ана ҳамин озод мекунад.*[20]

**5,14** Дар ибтидо аҷиб менамояд, ки Павлус ин ҷо *шариатро* ворид мекунад, пас аз он ки дар тамоми Навиштаҳо зикр мекард, ки масеҳиён аллакай зери дасти шариат намебошанд. Вай ба хонандагони худ зери қудрати шариат баргаштанро пешниҳод намекунад; вай нишон медиҳад, ки он чи шариат талаб мекарду ба амал оварда наметавонист, дар натиҷаи озодии масеҳӣ пайдо мешавад.

**5,15** Шариатпарастӣ доимо ба муноқиша мебарад ва, аз афташ, дар Ғалотия маҳз чунин шуд. Чӣ гуна аҷоиб! Ин одамон зери дасти шариат будан мехостанд. Шариат аз онҳо муҳаббат ба наздиконро талаб мекард. Ва ба ҳар ҳол тамоман баръаксаш рӯй дод. Онҳо якдигарро ғайбат мекарданд ва мехӯрданд. Чунин рафтор аз ҷисм бармеояд, ки шариат ба он муроҷиат мекунад ва мекӯшад онро боздорад.

## Б. Қувва барои покшавӣ (5,16-25)

**5,16** Масеҳӣ бояд *дар Рӯҳ рафтор кунад,* на бар тибқи ҷисм. *Дар Рӯҳ рафтор кардан* ба Ӯ мувофиқи салоҳдиди Худ амал карданро иҷозат додан аст. Ин яъне бо Ӯ дар иттиҳод мондан аст. Ин дар партави покии ӯ қарор қабул намудан аст. Ин ба шабоҳати Масеҳ дигаргун шудан аст, зеро хизмати Рӯҳ дар он аст, ки масеҳиро ба Худованд Исо ҷалб намояд. Ҳангоме ки мо ин гуна бар тибқи Рӯҳ *рафтор мекунем,* мо ба *ҷисми* худ, ё ба иродаи худпарастонаи худ чунон муносибат мекунем, гӯё вай дигар

нест. Мо наметавонем дар як вақт ҳам дар андешаи Масеҳ ва ҳам пур аз гуноҳ бошем.

Скоуфилд мегӯяд:

*Мушкилоти ҳаёти масеҳӣ аз он иборат аст, ки то даме ки масеҳӣ дар ин ҷаҳон зиндагонӣ мекунад, вай, ба иборае, ду дарахтро ифода мекунад: дарахти кӯҳнаи ҷисм ва дарахти нави сиришти илоҳӣ, ки ба воситаи зодашавии дубора пайванд карда шудааст. Мушкилот дар он аст, ки дарахти кӯҳна чӣ тавр бесамар гардонида шавад ва дарахти навро ба мева додан чӣ тавр маҷбур созем. Ҳангоме ки бар тибқи Рӯҳ рафтор менамоянд, мушкилот ҳал карда мешавад.*[21]

Ин ва оятҳои пас аз ин меомада нишон медиҳанд, ки дар масеҳӣ то алҳол *ҷисм* ҳаст; ҳамин тариқ ғояи решакан намудани сиришти гунаҳкор рад карда мешавад.

**5,17** *Рӯҳ* ва *ҷисм* дар задухӯрди доимӣ мебошанд. Худо имондоронро аз сиришти ҷисмонии онҳо дар вақти имон овардан маҳрум карда метавонист, лекин Ӯ чунин накарданро афзал донист. Чаро? Ӯ мехост ки имондорон доимо нотавонии худро дар хотир дошта бошанд; то ки онҳо ба Масеҳ, ба Саркоҳин ва Пуштибони худ умед бастанро давом диҳанд; то ки онҳо Он Касеро, ки чунин махлуқи ночизро наҷот дод, муттасил мадҳ намоянд. Ба ҷои он ки моро аз сиришти кӯҳна маҳрум созад, Худо ба мо Рӯҳулқудси Худро медиҳад, то Ӯ дар мо сокин бошад. Рӯҳи Худо ва ҷисми мо муттасил ҷанг мекунанд ва ҷанг хоҳанд кард, то даме ки мо ба хона ба осмон гирифта мешавем. Дар ин мунокиша масеҳӣ бояд ба Рӯҳ гузашт кунад.

**5,18** Онҳое ки Рӯҳ роҳнамояшон аст *зери дасти шариат нестанд*. Ин оятро ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст. Якум, онҳое ки *Рӯҳ роҳнамояшон аст* – инҳо ҳама масеҳиёнанд. Бинобар ин ҳеҷ кас аз масеҳиён *зери дасти шариат нест;* онҳо ба саъю кӯшиши худ умед намебананд. Дуввум, таҳти *роҳнамоии Рӯҳ* будан – аз ҷисм баландтар шудан ва дар андешаи Худованд будан аст. Ҳангоме ки мо дар андешаи Ӯ ҳастем, мо оиди шариат ё оиди ҷисм фикр намекунем.

Рӯҳи Худо одамонро ба он роҳнамоӣ намекунад, ки онҳо ба шариат чун ба воситаи сафедшавӣ нигаранд. Не, Ӯ ба Масеҳи аз мурдагон бархоста чун ба асоси ягона, ки дар он Худо моро қабул карда метавонад, ишорат менамояд.

**5,19-21** Пештар мо ёдовар шуда будем, ки шариат ба саъю кӯшиши ҷисм даъват менамояд. Табиати пастфитрати одамӣ чӣ гуна *корҳоро* ба вуҷуд оварда метавонад?

Онҳо ба ҳама *маълуманд. Фосиқӣ* – алоқаи[22] ғайриқонунии шаҳвонӣ аст. *Зино* хиёнати заношӯӣ аст. *Нопокӣ* – бадии маънавӣ, ҳиссиётпарастӣ аст. *Бадахлоқӣ* – рафтори бешармонаест, ки маҳдудиятро намедонад. *Бутпарастӣ* – на танҳо парастиши бутҳо, балки фосиқӣ ҳам, ки бо хидмат ба девҳо ҳамроҳ аст. *Ҷодугарӣ* – сеҳр аст; калимаи юнонии нусхаи асл бо доруҳо алоқаманд аст («фармакейа»). Азбаски доруҳо (ва нашъа) дар сеҳр истифода мешуданд, ин калима алоқа бо рӯҳи палид ё истифодаи афсунро ифода мекардагӣ шуд. Дар зери ин мафҳум инчунин хурофот, фоли бад, тақдир, чашм ва ғайра фаҳмида шуданаш мумкин аст. *Адоват,* ё душманӣ, эҳсосоти бади сахт ба одамон аст. *Ҷанҷол* – ихтилоф, арбада. *Ҳасад,* ё рашк норозигие ки аз боиси муваффақият ё пешрафти дигарон ба вуҷуд омадааст; нобоварӣ, шубҳанокӣ. *Хашм* – хурӯши пуравҷи мизоҷ ё шавқ. (Дар баъзе матнҳо дар ин ҷо инчунин *худписандӣ* ёдоварӣ карда шудааст хоҳиши худбинонаи беҳтарин ё маркази ҳама чиз будан, бигзор ҳатто аз ҳисоби шахси дигар бошад.) *Ҷидол* ва *ихтилофот* – ҷудоии аз ихтилоф ба вуҷуд омада. *Бидъатҳо* – фирқаҳое ки аз тарафи одамони дар ақидаи худ истодагарӣ мекарда ташкил шудаанд. *Нафрат* (ё ҳасад) – бадбинӣ нисбати комёбӣ ё сарватмандии дигарон аст. *Одамкушӣ*[23] – кушторҳои зиддиқонунии дигарон аст. *Бадмастӣ* – истеъмоли доимии машрубот аст. *Айшу ишрат* – издиҳоми айёшона барои вақтхушӣ, ки аксар бо майнӯшӣ ҳамроҳ аст.

Павлус хонандагони худро огоҳӣ медиҳад, чунон ки пештар ҳам огоҳӣ медод, ки *кунандагони чунин корҳо Подшоҳии Худоро мерос нахоҳанд гирифт*. Дар ин ҷо гуфта намешавад, ки майпараст наҷот ёфта наметавонад; дар ин ҷо гуфта шудааст, ки онҳое ки зиндагониашон бо ин хусусиятҳои дар боло як-як номбар кардашуда тавсиф карда мешавад, наҷот наёфтаанд.[24]

Чаро Павлус инро ба ҷамоатҳои масеҳӣ навишт? Сабаб дар он аст, ки на ҳамаи онҳое ки худро наҷотёфта меҳисобанд, фарзандони ҳақиқии Худоянд. Ҳамин тариқ, Рӯҳулқудс дар тамоми Аҳди Нав пешниҳод кардани

ҳақиқатҳои рӯҳонии ҳайратангезтаринро бо огоҳкуниҳои ҷиддитарин ба онҳое ки вонамуд мекунанд, гӯё исми Масеҳро пайравӣ мекунанд, мепайвандад.

**5,22-23** Он чиз муҳим аст, ки расул *корҳои* ҷисм ва *самари Рӯҳро* фарқ мекунонад. Корҳо натиҷаи кӯшишҳои одамист. Самар бошад ҳамон вақт пухта мерасад, ки навда дар ток монад (Юҳ. 15,5). Онҳо ҳамон хел аз якдигар фарқ мекунанд, чунон ки фабрика ва боғ. Ба он чиз таваҷҷуҳ намоед, ки калимаи *«самар»* дар шумораи танҳо меистад, на дар шумораи ҷамъ. Рӯҳулқудс танҳо як *самар* меоварад – монандӣ ба Масеҳ. Тамоми некӯиҳое ки ин ҷо номбар мешаванд, ҳаёти фарзанди Худоро тасвир мекунанд. Доктор. Ч. И. Скоуфилд ишорат намудааст, ки ҳамаи онҳо ба дили одам хос нестанд.

*Муҳаббат* – он чизест, ки Худост ва он чи мо бояд бошем. Вай дар 1Қуринтиён 13 хеле хуб тасвир шудааст ва бо тамоми пуррагӣ дар салиби Ҷолҷолто зоҳир шудааст. *Шодмонӣ* – хушҳолӣ ва қаноатмандӣ аз Худо ва корҳои Ӯст. Масеҳ инро дар Юҳанно 4,34 нишон дод. *Осоиш* ҳам осоиши Худо, ҳам муносибатҳои мавзуни байни масеҳиёнро дар бар гирифта метавонад. Барои дидани осоиш дар ҳаёти Наҷотдиҳанда Луқо 8,22-25-ро хонед. *Пурсабрӣ* – сабр дар андӯҳҳо, нохушиҳо ва дар таъқибот аст. Намунаи бузургтарини пурсабриро дар Луқо 23,34 ёфтан мумкин аст. *Меҳрубонӣ* нармист; шояд онро беҳтар аз ҳама муносибати Худованд ба кӯдакони хурд шарҳ дода метавонад (Марқ. 10,14). *Некӯӣ* – некӣ ба дигарон аст. Агар Луқо 10,30-35-ро хонем, марҳаматро дар амал мебинем. *Вафодорӣ* боварӣ ба Худо, эътимод ба бародарони масеҳии мо, садоқат ё эътимоднокиро ифода карда метавонад. Шояд ин ҷо маънои охирин дар назар дошта шуда буд. *Ҳалимӣ* ишғол кардани мақоми паст аст, чуноне ки Масеҳ пойҳои шогирдонашро шуста, онро нишон дод (Юҳ. 13,1-17). *Парҳезгорӣ* айнан худдорӣ карданро ифода мекунад, махсусан нисбати шаҳват. Ҳаёти мо бояд ботартиб бошад. Шаҳват, рағбат, хоҳишҳо, мизоҷро идора кардан лозим аст. Мо бояд дар эътидол малака ҳосил намоем. Сэмюэл Чедвик ишорат мекунад:

*Агар бо забони рӯзнома навишта шавад, ин ҷой чунин ба назар хоҳад намуд: «Самари Рӯҳ – муносибати навозишкорона, ғамхорона; рӯҳи дурахшон ва хислати шоду хуррамона; хиради ором ва рафтори нарм, сабр дар вазъиятҳои фитнаангез ва бо одамоне ки ӯро меозмоянд; ҳамдардӣ ва маҳорати боодобона ёрӣ додан; олиҳимматӣ дар муҳокимарониҳо ва эҳсонкорӣ аз таҳти дил; садоқат ва эътимоднокӣ дар ҳама вазъият; тавозуъ, ки касро водор мекунад барои дигарон шодӣ карда, худро фаромӯш кунад; худдорӣ кардан ва худназораткунӣ дар ҳар гуна шароит – ин нишонаи хотимавии камолот аст». Чӣ қадар ҳамаи ин таъсирбахш аст, агар бо он чи дар 1Қуринтиён 13 гуфта шудааст, муқоиса кунем!*[25]

Павлус ин рӯйхатро бо шарҳи пурасрор ба охир мерасонад: *«Ба инҳо шариат муқобил нест»*. Албатта, муқобил нест! Ин некӯкориҳо ба Худо мақбуланд, ба дигарон фоиданоканд ва барои худи мо хубанд. Лекин ин самар чӣ гуна ба вуҷуд меояд? Бо саъю кӯшиши одамӣ? Асло не. Вай ҳамон вақт пайдо мешавад, ки масеҳӣ дар мушоракат бо Худованд зиндагонӣ мекунад. Ҳангоме ки одамон ба Наҷотдиҳанда бо муҳаббат нигоҳ мекунанд ва худро ба Ӯ мебахшанд, дар ҳаёти ҳаррӯза ба Ӯ итоат мекунанд, Рӯҳулқудс муъҷизаи ҳайратангез меофарад. Ӯ онҳоро ба Масеҳ монанд мекунад. Ӯро дида, онҳо ба Ӯ монанд мешаванд (2Қур. 3,18). Чунон ки навда аз ток ҳаёт ва ғизо мегирад, ҳамин тавр шахсе ки ба Масеҳ бовар дорад, аз Токи ҳақиқӣ қувва мегирад ва ҳамин тариқ бо зиндагонии самаранок барои Худо зиста метавонад.

**5,24** *Онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ҷисмро ба салиб кашидаанд.* Замони феъл[26] ба он ишорат мекунад, ки ин аллакай дар гузашта рӯй дод. Ин дар ҳақиқат ҳангоми бовар кардани мо воқеъ шуд. Ҳангоме ки мо тавба кардем, мо ба як маъное табиати кӯҳна, бадахлоқ, фосидшударо бо ҳамаи дилбастагиҳояш ва нафсонияташ дар салиб мехкӯб кардем. Мо қатъиян қарор додем, ки дигар ба табиати пастфитрати худ хизмат намекунем, ва он дигар бар мо дастболо намешавад. Албатта, дар давоми зиндагӣ ин қарорро доимо нав карда истодан лозим аст. Мо бояд ҳамеша ҷисмро мурда шуморем.

**5,25** *«Агар»* ин ҷо «азбаски»-ро ифода мекунад. Азбаски бо корҳое ки *Рӯҳулқудс* дар мо ба вуҷуд меоварад, мо зиндагии абадиро мерос мегирем, биёед бо қувваи худи ҳамон *Рӯҳ* ҳаёти нав ба сар барем. Шариат ҳеҷ гоҳ

ҳаёт намедиҳад, вай ҳеҷ гоҳ барои он пешбинӣ нашуда буд, ки баҳри масеҳиён роҳнамои ҳаёт бошад.

## B. Насиҳатҳои амалӣ (5,26–6,10)

**5,26** Дар ин оят оиди се ҳиссиёте гуфта мешавад, ки аз онҳо канораҷӯӣ кардан лозим аст.

1. Ҳавобаландӣ – *ҳавобаланд нашавем,* айнан оиди худ ақидаи бардурӯғ ё пуч доштан. Худо намехоҳад, ки масеҳиён худситоёни хавобаланд бошанд; ин ба гуноҳкорони бо файз наҷотёфта будани онҳо мувофиқат намекунад. Одамоне ки дар зери дасти шариат зиндагӣ мекунанд, аксар бо муваффақиятҳои ночизи худ фахр карда сар мекунанд ва ба онҳое ки ба ченакҳои онҳо мувофиқат намекунанд, тамасхур мекунанд, ва масеҳиёни шариатпараст ба масеҳиёни дигар аксаран беэътиноёна баҳо медиҳанд, зеро онҳо чунин рӯйхати он чиро, ки онҳо маҳкум мекунанд, надоранд.
2. Фитнаангезӣ – *якдигарро асабонӣ кардан.* Каси дигарро ангез додан, ба майдон талабидан, ки оё вай ба нуқтаи назари хусусии мо мувофиқат мекунад – аз ҳаёти пур аз Рӯҳ рӯ гардониданро ифода мекунад. Худро ба ҷои каси дигар нагузошта, мушкилот ва васвасаҳои вайро ҳеҷ гоҳ фаҳмидан намешавад.
3. Ҳасад – *ба якдигар ҳасад бурдан.* Ин ҷо ҳасад гуноҳи хостани он чизест, ки ба каси дигар тааллуқ дорад ва мо ба он ҳеҷ ҳуқуқе надорем. Муваффақияти назаррасн касе, истеъдодҳо, молу мулк ё намуди зоҳирии дилписанд ҳасадро бедор мекунанд. Одамоне ки истеъдоди кам ё хислати заиф доранд, гирифтори ҳасад мебошанд. Онҳо ба онҳое ҳасад мебаранд, ки, чунон ки ба назар мерасад, шариатро беҳтар риоя мекунанд. Ин хусусиятҳо ба файз бегонаанд. Имондори ҳақиқӣ бояд дигаронро аз худ баландтар баҳо диҳад. Риоякунандагони шариат шухрати қалбакӣ мехоҳанд. Бузургии ҳақиқӣ ноаён хизмат кардан ва дар ҷои нонамоён меҳнат кардан аст.

**6,1** Ин ҷо мулоҳизаи хеле хубе оиди он ҳаст, ки масеҳиён ба имондорони гуноҳкунанда бояд чӣ хел муносибат кунанд. Албатта, ин ба шариат, ки боиси маҳкумияти ҷинояткор мешуд, сахт мухолифат мекунад. *Касе гирифтори хатое шавад,* ин аниқтараш на доимо гуноҳ кардан, балки як бор гуноҳ кардан аст. Бо чунин одам масеҳиёни *рӯҳонӣ* бояд сарукор дошта бошанд. Масеҳии ҷисмонӣ бо муносибати сахт, хунуки худ аз фоида дида бештар зарар оварда метавонад. Ва аз эҳтимол дур аст, ки гуноҳкор аз касе ки худ бо Худованд мушоракат надорад, панд гирад.

Ин оят масъалаи шавқоварро мебардорад. Агар одам ҳақиқатан рӯҳонист, оё вай инро эътироф менамояд? Охир одамони ҳақиқатан рӯҳонӣ камбудиҳои худро аз ҳама беҳтар мефаҳманд. Пас кӣ бо барқароркунии бародар машғул хоҳад шуд, агар ин кор вайро ба қатори рӯҳониён дохил кунад? Оё ин аз камбудии хоксорӣ шаҳодат намедиҳад?

Ҷавоб чунин аст: одами ҳақиқатан рӯҳонӣ бо вазъияти худ ҳеҷ гоҳ худситоӣ нахоҳад кард. Дили вай, дили нарми шубон, вайро водор мекунад, ки барқарор намудани гунаҳкорро хоҳад. Вай на дар рӯҳи фахр ва афзалият рафтор хоҳад кард, балки *дар рӯҳи фурӯтанӣ,* зеро дар хотир дорад, ки вай ҳам метавонад *ба озмоиш дучор шавад.*

**6,2** *Борҳо* – нобароридҳо, васвасаҳо ва озмоишҳо мебошанд. Ба ҷои ин ки дур истода танқид намоем, мо бояд бародареро, ки мушкилот ё ғам дорад, ҷонибдорӣ кунем ва бо ҳама чизе ки метавонем, ёрӣ диҳем.

*Шариати Масеҳ* тамоми фармудаҳои Худованд Исоро, ки Ӯ ба халқи Худ дар Аҳди Нав дод, дар бар мегирад. Онро кӯтоҳакак дар як паймон баён кардан мумкин аст: «... ки якдигарро дӯст доред» (Юҳ. 13,34; 15,12). Ҳангоме ки *борҳои якдигарро мебардорем,* мо онро иҷро мекунем. *Шариати Масеҳ* тамоман на он тавр аст, ки шариати Мусо мебошад. Вай барои фармонбардорӣ ҳаёт ваъда кард, лекин барои фармонбардор будан ҳеҷ гуна қувва намедод ва фармонбардориро танҳо зери тарси ҷазо ба вуҷуд оварда метавонист. *Шариати Масеҳ,* баръакс, насиҳатҳои дӯстдорона ба онҳоест, ки аллакай дорои ҳаётанд. Ба имондорон қобилияте дода шудааст, ки нишондодҳои Ӯро бо қувваи Рӯҳулқудс иҷро кунанд, ва онҳоро ҳисси муҳаббат ба Масеҳ водор мекунад.

**6,3** Ҳамаи мо аз ҳамон як хок офарида шудаем. Гуноҳ кардани бародарамонро дида,

мо бояд дар ёд дошта бошем, ки дар ҷои вай худи мо буда метавонистем. Барои масеҳӣ «комплекси афзалият» худфиребдиҳист. Албатта, мо ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунем, ки борҳои дигаронро ба дӯш бардоштан ба шаъни мо намезебад.

**6,4** Аз афташ, ин огоҳонидан аст бар зидди одати бо дигарон муқоиса намудани худ ва барои қаноатмандӣ сабаб ёфтан. Расул ишорат менамояд, ки дар назди Курсии Доварии Масеҳ шахсан аз ҳар кадоми мо мепурсанд ва бо дигарон муқоиса нахоҳанд кард. Бинобар ин мо бояд ба худамон диққат диҳем, то ки на аз нобарориҳои дигарон, балки аз *амали* худ хурсанд шавем.

**6,5** Дар ояти 2 Павлус таълим медиҳад, ки мо бояд андӯҳҳо, уқубатҳо ва мушкилоти якдигарро дар ҳаёти имрӯза бо ҳам бинем. Дар ояти 5 фикри асосӣ он аст, ки ба ҳар кадоми мо лозим меояд *бори* ҷавобгарии *худро* дар назди Курсии Доварии Масеҳ ба дӯш бардорем.

**6,6** Имондорон ҷавобгаранд, ки муаллимони масеҳии худро дастгирӣ намоянд. *Дар ҳар нозу неъмат шарик сохтан* маънои онро дорад, ки чизҳои моддиро бо ҳам бинем ва онҳоро бо дуо ва бо шавқмандии тақводорона дастгирӣ намоем.

**6,7** Ҳарчанд бисёриҳо беэътиноии моро нисбати хизматгорони Худо надида метавонанд, Ӯ инро мебинад ва самари мувофиқ медиҳад. Мо он чиро, ки коридем, *медаравем,* лекин ба миқдори зиёд. Ҳангоме ки коранда гандум *мекорад,* вай гандум медаравад баъзан аз коридааш сӣ, баъзан шаст ё сад маротиба зиёдтар. Скоуфилд зикр мекунад, ки *«Рӯҳ дар ин ҷо ба гунаҳкорон на оиди гуноҳҳои онҳо, балки ба муқаддасон оиди хасисии онҳо мегӯяд».*

Албатта, ба маънои боз ҳам васеътар он чиз дуруст аст, ки «барои хабосат шудгор намуда, ноинсофиро кишт мекунанд, ҳосили онро медараванд» (Айюб 4,8) ва онҳое ки «бодро коштанд ... тундбодро хоҳанд даравид» (Ҳуш. 8,7). Таърихшинос Ҷ. Э. Фрауд гуфта буд: «Гуфтан мумкин аст, ки таърих ба таври возеҳ якто ва танҳо якто дарси ибратро такрор менамояд: ҷаҳон ба як тариқе дар асосҳои ахлоқӣ сохта шудааст ва дар ниҳояти кор ба некон хуб мешавад, ба бадон бошад бад мешавад».[27]

**6,8** Ҳарчанд ба маънои умумӣ он чиз ҳам дуруст аст, ки мо коштаамонро медаравем, зикр кардан меарзад, ки ин ёдраскунӣ пас аз насиҳат оиди ато кардани масеҳиёна меояд. Дар ин вобастагӣ дидан мумкин аст, ки кошган *барои ҷисми худ* маънои сарфи пулҳоро барои худ, бахри ҳузуру ҳаловати худро дорад. Кишт *барои Рӯҳ* – истифодаи пулҳо ба манфиати Худо мебошад.

Онҳое ки кори аввалиро мекунанд, аллакай дар ин ҷо, дар замин, самари ноумедӣ ва талафро медараванд, зеро калонсолтар гардида мефаҳманд, ки ҷисме ки барои ҳузуру ҳаловати он зиндагонӣ мекарданд, фартут мешавад ва мемирад. Дар асри оянда бошад онҳо мукофоти абадиро аз даст медиҳанд. Лекин онҳое ки *барои Рӯҳ* мекоранд, *аз Рӯҳ ҳаёти ҷовидониро* медараванд. Дар Навиштаи Муқаддас оиди ҳаёти *ҷовидонӣ* ба ду маъно гуфта мешавад: 1) ин он чизест, ки ҳар як масеҳӣ онро дорост (Юҳ. 3,36). 2) ин он чизест, ки масеҳӣ дар охири ҳаёти заминии худ ба даст меоварад (Рум. 6,22). Онҳое ки *барои Рӯҳ мекоранд,* ҳозир ва дар ин ҷо ба он маъное ки ба масеҳиёни боқимонда хос нест, аз ҳаёти ҷовидона лаззат мебаранд. Онҳо низ ҳангоме ки ба хонаи осмонии худ меоянд, барои садоқат мукофот медараванд.

**6,9** Барои он ки ҳеҷ кас ноумед нашавад, Павлус ба хонандагони худ ёдрас мекунад, ки мукофот ҳатман мешавад, ҳарчанд фавран набошад ҳам. Саҳрои гандумзорро баъд аз як рӯзи кишт намедараванд. Дар соҳаи рӯҳонӣ ҳам ҳамин тариқ: мукофотҳо ҳатман аз пайи кишти дуруст меоянд – *дар вақташ.*

**6,10** *Аҳли имони худ* – ҳамаи наҷотёфтагон мебошанд, новобаста ба фарқҳо дар равияҳо ва дар узвияти ҷамоат. Некии мо бо доираи масеҳиён набояд маҳдуд гардад, лекин нисбати онҳо он бояд махсус зоҳир шавад. Мақсади мо набояд манфӣ – камтар зарар кардан, балки бояд мусбат бошад – бештар некӣ кардан. Дар ин бора Ҷон Вэслӣ мухтасар гуфтааст: «Ҳар қадаре ки тавонӣ, бо ҳар гуна воситаҳое ки тавонӣ, ба ҳамаи одамоне ки тавонӣ, ҳамеша то тавонӣ, некӣ кун».

## Г. Хотима (6,11-18)

**6,11** *Бубинед, чӣ гуна калон аст мактубе ки ба шумо бо дасти худ навиштаам.* Ба ҷои он ки ба ёрдамчӣ дикта кунад, чунон ки вай одатан инро мекард, Павлус номаро мустақилона

навишт. Ҳарфҳои калон аз амиқии эҳсосоташ дар мубориза бо шариатпарастон ва то чӣ андоза хатои муаллимони бардурӯғи яҳудиро ҷиддӣ ҳисобиданаш дарак дода метавонанд. Ё онро ифода карда метавонанд, ки чашмони Павлус хира буданд, чунон ки бисёриҳо дар асоси ин ва дигар порчаҳо чунин меҳисобанд. Мо тахмин мекунем, ки маҳз ҳамин нуқтаи назар дуруст аст.

**6,12** Муаллимони яҳудӣ, гурӯҳҳои калони пайравонро ҷамъ намуда, *ба ҳасби ҷисм фахр намудан* мехостанд. Онҳо, ба хатна кардан исрор намуда, инро карда метавонистанд. Одамон расму русум ва маросимҳоро аксар бо майлу рағбат иҷро мекунанд, фақат агар аз онҳо тағйир додани одатҳояшонро талаб накунанд. Талаботҳоро паст намуда, ҷамоати калон ташкил намудан имрӯз кори муқаррарист. Павлус самимӣ набудани ин муаллимони дурӯғинро мебинад ва онҳоро дар он айбдор мекунад, ки онҳо мекӯшанд *аз боиси салиби Масеҳ* ба таъқибот дучор нашаванд. Салиби Масеҳ бар ҷисм ва кӯшиши некбинонаи он ҳукми қатлро эълон мекунад. Салиб ҷудошавӣ аз бадӣ аст. Бинобар ин одамон хабари пурҷалоли салибро бад мебинанд ва онҳоеро, ки онро мавъиза менамоянд, таъқиб мекунанд.

**6,13** Муаллимони дурӯғин ба риояи *шариат* на чандон ҳавасманд буданд. Дар асл онҳо роҳи осони масеҳӣ гардонидани дигаронро меҷустанд, то имконияти бо рӯйхати дарози пайравон *фахр кардан* дошта бошанд. Бойс мегӯяд: *«Ин кӯшиши ба чизи беасос бовар кунонидани дигарон буд; зеро ҳатто хатнашудагон шариатро риоя карда наметавонистанд»*.

**6,14** Барои Павлус сабаби фахр кардан на ҷисми одамӣ, балки *салиби Худованди мо Исои Масеҳ* буд. Дар ин *салиб* барои Павлус ҷаҳон маслуб шуд, Павлус бошад барои ҷаҳон. Вақте ки одам наҷот дода шудааст, ҷаҳон бо вай видоъ мекунад, ва вай бо *ҷаҳон* хайрухуш мекунад. Вай аз нуқтаи назари *ҷаҳон* вайрон шудааст, зеро ки ӯро дигар ҳузуру ҳаловати ҷаҳонии зудгузар ба шавқ намеоварад; *ҷаҳон* барои вай ҷолибияти худро гум кард, зеро вай Онеро ёфт, ки ки пурра қонеъ мегардонад. Финдлӣ мегӯяд: «*Вай ба ҷаҳон бовар карда наметавонад, бо он фахр карда наметавонад, вайро дигар эҳтиром карда наметавонад. Ҷаҳон аз ҷалол ва қувваи худ маҳрум мешавад ва ӯро дигар мафтун карда ё ӯро идора карда наметавонад*». Ба ҳамин тариқ, *салиб* монеаи бузург, хати ҷудокунанда байни ҷаҳон ва фарзанди Худо мебошад.

**6,15** Ҳарчанд дар назари аввал чунин намуданаш мумкин аст, ки ин чунин нест, ояти додашуда дар ин нома яке аз ҷойҳои муҳимтаринест, ки ҳақиқати масеҳиро баён мекунад.

*Хатна* – риояи зоҳирии қоида, маросим буд. Муаллимони дурӯғини яҳудӣ ҳамаро ба иҷрои ин маросим вобаста мекарданд. *Хатна* бунёди дини яҳудӣ буд. Павлус бо як қалам задан онро ба як тараф рӯфта мепартояд: *хатна* ҳеҷ чиз аст. На расму русум аҳамият доранд, на дини яҳудӣ, на шариатпарастӣ. Баъд Павлус илова мекунад: *«на бехатнагӣ»*. Шахсоне ҳастанд, ки бо худ аз он сабаб фахр мекунанд, ки дар маросим иштирок накардаанд. Тамоми хизмати ҷамоатии онҳо бо худ ошӯб бар зидди расму русумро ифода мекунад. Дар ин ҳам ҳеҷ гуна арзиш нест.

Дар ҳақиқат барои Худо *махлуқи нав* муҳим аст. Вай ҳаёти дигаргуншударо дидан мехоҳад. Финдлӣ менависад: *«Масеҳияти ҳақиқӣ он аст, ки бадонро ба некон табдил медиҳад, ғуломони гуноҳро ба фарзандони Худо табдил медиҳад»*. Тамоми одамон дар яке аз ду офариниш мебошанд. Онҳое ки ба ҷаҳон зода мешаванд, пургуноҳ, нотавон ва маҳкумшуда мебошанд. Тамоми кӯшишҳои ба воситаи корҳои хуб ва ахлоқи нек наҷот ёфтан ё барои наҷоти худ ба Худо ёрӣ додан беҳудаанд ва онҳоро тағйир намедиҳанд. *Махлуқи нав,* ё офариниши нав аз ҷониби Масеҳи аз мурдагон бархоста роҳбарӣ карда мешавад ва ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки аз гуноҳ наҷот ёфтаанд ва дар Ӯ ҳаёти навро қабул кардаанд. Азбаски офариниши нав аз ибтидо то охир дар Масеҳ аст, вай ҳар гуна имконияти бо ахлоқи нек ва корҳои хуб ба даст овардани лутфи Худоро истисно мекунад. Ҳаёти пок на он замон пайдо мешавад, ки одам расму русумро иҷро мекунад, балки вақте вай ба Масеҳ тобеъ мешавад ва ба Ӯ иҷозат медиҳад бо ҳаёти Худ дар имондор зиндагӣ кунад. *Махлуқи нав* – на беҳтаркунии кӯҳна ё илова бар он, балки як чизи комилан дигар аст.

**6,16** Павлус ин ҷо оиди кадом *қоида* сухан меронад? Ин қоидаи офариниши нав мебошад. Вай баракати дучанди *осоиш ва марҳаматро* ба онҳое меорад, ки ба саволи зерин ҷавоб дода, оиди таълимот муҳокима

мекунанд: «Оё ин як қисми офариниши нав аст?» ва ба онҳое ки ҳама чизи чунин набударо инкор мекунанд.

*Ва бар Исроили Худо!* Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки дар ин ҷо Ҷамоат дар назар дошта шудааст. Лекин *Исроили Худо* – ин ҳамон яҳудинажодоне мебошанд, ки Худованд Исоро чун Масеҳ қабул намудаанд. Онҳое ки зери дасти шариат мезистанд, на осоиш, на файз доштанд, лекин ҳам ин ва ҳам он дар офариниши нав ҳиссаи онҳо гардид.

**6,17** Павлусро, ки як замоне ғуломи шариат буд, Худованд Исо аз ғуломӣ озод кард. Акнун Павлус бо иродаи худ ғуломи Худованд мебошад. Айнан ҳамин тавр, чунон ки ғуломон дар бадани худ тамғаи хоҷаашонро доштанд, ҳамон хел Павлус ҳам *ҷароҳатҳои Худованд Исоро дар бадан* дорад. Ин чӣ *ҷароҳатҳо* мебошанд? Ин доғи захмҳое мебошанд, ки дастони таъқибкунандагони вай расонидаанд. Ин ҷо вай мегӯяд: «Ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳед, ки нисбати ман даъвои соҳибият кунад. Ба ман оиди тамғаи хатна нагӯед, ки он ғуломии шариатро ифода мекунад. Дар ман тамғаи Хоҷаи нави ман, Исои Масеҳ аст».

**6,18** Ба зудӣ расул қаламро ба як сӯ мемонад. Лекин пеш аз ин вай бояд як калимаро илова карда, номаро ба охир расонад. Пас ин чӣ калима хоҳад буд? ФАЙЗ – калимае ки барои Хушхабари вай ин қадар хос аст. *Файз,* на шариат. Вай аз ҳамин мавзуъ шуруъ намуд (1,3) ва бо худи ҳамин ба охир мерасонад. *Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо рӯҳи шумо бод, эй бародарон. Омин.*

---

## ШАРИАТПАРАСТӢ

Омӯзиши Нома ба Ғалотиёнро ба охир расонида, хулоса кардан мумкин аст, ки Павлус ба муаллимони шариатпараст чунон зарбаи ҳалокатовар зад, ки ин масъала дигар ҳеҷ гоҳ Ҷамоатро нороҳат нахоҳад кард. Лекин таърих ва таҷриба аксашро исбот менамоянд. Шариатпарастӣ ба андозае қисми муҳими масеҳият гардид, ки аксарият чунин мешуморанд, ки вай аз ибтидо чунин мебошад.

Бале, шариатпарастон то ҳол бо мо мебошанд. Боз чӣ хел номидан мумкин аст онҳоеро, ки худро хизматгорони Масеҳ меноманд ва таълим медиҳанд, масалан, ки конфирматсия, таъмид ё узвият дар ҷамоат барои наҷот ёфтан зарур мебошанд; ва шариат қоидаи зиндагӣ барои масеҳиён аст; ва моро имон наҷот медиҳад, наҷотро бошад корҳо нигоҳ медоранд? Агар ин дини яҳудии ба масеҳият дохилкардашуда набошад, пас чист, ҳангоме аз мо талаб менамоянд, ки каҳонати аз тарафи одамон муқарраршударо бо либосҳои махсуси он, биноҳои бо нусхаи парастишгоҳ сохташуда, бо қурбонгоҳи кандакоришуда ва маросимҳои душвор, тақвими ҷамоатӣ бо давраи рӯзаи бузург, идҳо ва рӯзаҳо қабул намоем?

Магар ин бидъати ғалотӣ нест, вақте ки масеҳиёнро меогоҳонанд, ки агар наҷот ёфтан хоҳанд, бояд шанберо риоя кунанд? Мавъизагарони ҳозиразамони шариатпарастӣ ба онҳое ки имон ба Масеҳро эътироф мекунанд, ба таври даҳшатангез дастдарозӣ мекунанд, ва бинобар ин ҳар як масеҳиро оиди таълимоти онҳо огоҳонида, оиди чӣ гуна ҷавоб додан панд додан лозим аст.

Пайғамбарони шанбе одатан аз мавъизаи наҷот бо имон ба Исои Масеҳ шуруъ менамоянд. Онҳо сурудҳои маҳбуби масеҳиро истифода мебаранд, то ки бехабаронро мафтун намоянд ва, чунон ки менамояд, ба Навиштаи Муқаддас аҳамияти зиёд медиҳанд. Лекин ба зудӣ онҳо пайравони худро, махсусан фармуда дар бораи «шаббат»-ро (шанбе рӯзи ҳафтуми ҳафта) таъкид намуда, ба шариати Мусо мутеъ мегардонанд.

Онҳо чӣ гуна ба ин кор ҷуръат менамоянд, ҳол он ки Павлус аниқ таълим медиҳад, ки масеҳӣ барои шариат мурда аст? Чӣ тавр онҳо гуфтаи возеҳро дар Нома ба Ғалотиён сарфи назар карда метавонанд? Ҷавоб ин аст, ки онҳо шариати ахлоқӣ ва шариати маросимиро аз ҳам ҷудо мекунанд. Шариати ахлоқӣ Даҳ фармуда мебошанд. Қоидаҳои маросимии шариат нишондодҳои дигари Худо мебошанд, ба монанди қоидаҳое ки ба хӯроки нопок, махав, қурбониҳо ба Худо ва ғайра дахл доранд.

Шариати ахлоқиро, мегӯянд онҳо, ҳеҷ гоҳ бекор накарда буданд. Ин ифодаи ҳақиқати ҷовидонаи Худо мебошад. Бутпарастӣ, куштор ё зинокорӣ ҳамеша зидди шариати Худо хоҳад буд. Вале Масеҳ ба шариати қоидаҳои маросимӣ нуқта гузошт. Бинобар ин, хулоса мекунанд онҳо, ҳангоме ки Павлус

барои шариат мурда будани масеҳиро таълим медиҳад, вай на дар бораи Даҳ фармуда, балки оиди шариати қоидаҳои маросимӣ сухан меронад.

Азбаски шариати ахлоқӣ то ҳол дар амал аст, онҳо исрор мекунанд, ки масеҳиён бояд онро эҳтиром намоянд. Ин онро ифода мекунад, ки онҳо бояд шанберо эҳтиром намоянд ва дар ин рӯз ҳеҷ гуна кор накунанд. Онҳо мегӯянд, ки яке аз Папаҳои ҷамоати католикии Рум фармуд, то рӯзи истироҳатро аз шанбе ба якшанбе тағйир диҳанд, ки ин дағалона вайрон кардани Навиштаи Муқаддас буд.

Ин муҳокимаронҳо хеле оқилона ва ҷолиби диққат садо медиҳанд. Аммо дар онҳо як хусусияти аҷоиб ҳаст, ки онҳоро маҳкум мекунад: он таълимот пурра ба Сухани Худо мухолифат мекунад! Ана ба ин чиз таваҷҷуҳ намоед:

1. Дар 2Қуринтиён 3,7-11 дар бораи Даҳ фармуда возеҳ гуфта шудааст, ки барои масеҳиён онҳо бебақоянд. Дар ояти 7 шариат «хизмати марг, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш бастааст» номида шудааст. Ин на шариати қоидаҳои маросимиро, балки танҳо шариати ахлоқиро ифода карда метавонад. Танҳо Даҳ фармуда бо ангушти Худо дар санг навишта шуда буд (Хур. 31,18). Дар ояти 11 мо мехонем, ки хизмат ба марг агарчи хуб аст, лекин *фонист*. Ягон чизи зиёда қатъитар ёфтан душвор аст. Шанбе наметавонад даъвои қудрат бар масеҳиён кунад.
2. Ба ҳеҷ як ғайрияҳудӣ риоя кардани шанбе ҳеҷ гоҳ гуфта нашуда буд. Шариат танҳо ба яҳудиён дода шуда буд (Хур. 31,13). Гарчанде Худи Худо дар рӯзи ҳафтум истироҳат мекард, то ба банӣ Исроил додани шариат Ӯ ба ҳеҷ кас кардани инро нафармуда буд.
3. Масеҳиён на бо қарори ягон Папа аз риояи рӯзи шанбе ба риояи рӯзи якшанбе гузаштанд. Мо рӯзи Худовандро махсус барои парастиш ва хизмат ҷудо кардем, зеро Худованд Исо дар ин рӯз аз мурдагон бархост бар исботи он ки кори наҷот анҷом ёфта буд (Юҳ. 20,1). Ғайр аз ин, дар ин рӯз аввалин пайравони Масеҳ ҷамъ меомаданд, то барои эълони марги Худованд нон шикананд (Аъм. 20,7) ва маҳз ҳамин рӯзро Худо ба масеҳиён нишон дод, то як қисми он чизеро, ки Худованд ба онҳо додааст, пасандоз кунанд (1Қур. 16,1.2). Баъдан, Рӯҳулқудс низ аз осмон ба замин дар рӯзи якуми ҳафта фиристода шуда буд. Масеҳиён рӯзи Худовандро на чун воситаи ба покӣ комёб шудан ё аз тарси ҷазо «риоя мекунанд». Онҳо ин рӯзро бо муҳаббат ба Шахсе ки Худро барои онҳо фидо кард, бахшида ҷудо мекунанд.
4. Павлус шариати ахлоқӣ ва қоидаҳои маросимиро аз ҳамдигар ҷудо намекунад. Вай, аниқтараш, исрор менамояд, ки шариат ягонаи комил мебошад ва онҳое дар зери лаънатанд, ки мекӯшанд ба воситаи он росткориро ба даст оваранд, ҳол он ки онро пурра риоя карда наметавонанд.
5. Аз Даҳ фармуда нӯҳтояш дар Аҳди Нав чун насиҳатҳои ахлоқӣ ба фарзандони Худо такрор карда мешаванд. Онҳо бо он чи бетағйир дуруст ё нодуруст аст, алоқаманд мебошанд. Ягона фармудаи партофташуда қонуни шанбе аст. Риояи рӯзи истироҳат худ ба худ дуруст ё нодуруст намебошад. Ба масеҳиён риояи шанберо насиҳат намекунанд. Аниқтараш, Навиштаи Муқаддас равшан тасдиқ мекунад, ки масеҳиро барои риоя накардани шанбе набояд маҳкум кард (Кул. 2,16)!
6. Дар Аҳди Қадим риоя накардани шанбе бо марг ҷазо дода мешуд (Хур. 35,2). Лекин ҷонибдорони он ки масеҳиён имрӯзҳо бояд шанберо риоя кунанд, вайронкунандагони ин шариатро ҷазо намедиҳанд. Ба ҳамин тариқ, ба иҷрои талаботҳои он исрор накарда, онҳо шариатро бадном мекунанд ва обрӯи онро мерезонанд. Аслан, онҳо мегӯянд: «Ин шариати Худост ва шумо онро бояд риоя намоед, лекин агар шумо онро вайрон кунед, ҳеҷ бадӣ надорад».
7. На шариат, балки Масеҳ – ин аст қоидаи зиндагӣ барои масеҳӣ. Мо бояд монанди Ӯ зиндагонӣ кунем. Ин меъёр болотар аз он чизест, ки шариат муқаррар кардааст (Мат. 5,17-48). Рӯҳулқудс барои пок зистан ба мо қувва медиҳад. Мо пок зистан мехоҳем, зеро Масеҳро дӯст медорем. Росткориеро, ки шариат талаб мекунад, онҳое иҷро мекунанд, ки на ба ҳасби

ҷисм, балки ба ҳасби Рӯҳ зиндагонӣ мекунанд (Рум. 8,4).

Ҳамин тариқ, таълимот оиди он ки масеҳӣ бояд рӯзи шанберо риоя кунад, ба Навиштаи Муқаддас рӯйрост мухолифат дорад (Кул. 2,16) ва «хушхабари дигар» аст, ки онро Худо лаънат мекунад (Ғал. 1,7.9).

Бигзор Худо ба ҳар як кас хиради фаҳмидани таълимоти нодурусти шариатпарастиро диҳад, дар ҳар шакле ки он намоён шавад! Пас биёед ҳеҷ гоҳ сафед шудан ва покшавиро дар маросимҳо ё саъю кӯшиши одамӣ ҷустуҷӯ накунем, балки дар ҳар гуна эҳтиёҷ пурра танҳо ба Худованд Исои Масеҳ умед бандем. Ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки шариатпарастӣ таҳқири Худост, зеро он Ҳақиқатро бо соя, Масеҳро бо расму русум иваз мекунад.

---

# Тавзеҳот

1. (1,8-9) John Stott, *Only One Way: The Message of Galatians,* саҳ. 27,28.
2. (1,18-20) Дар баъзе матнҳои юнонӣ «Кифо» гуфта шудааст (тарҷумаи «Петрус» ба забони арамӣ).
3. (2,1) E. F. Kevan, *The Keswick Week 1955,* саҳ. 29.
4. (2,3) Хатна амалиёти на он қадар калони ҷарроҳист, ки онро ба мардон мекунанд. Ҳангоме ки Худо ба Иброҳим ва насли вай хатнаро фармуд, он барои аломати паймони Ӯ бо онҳо будан муқаррар шуда буд: Ӯ Худои онҳо хоҳад буд, онҳо бошанд халқи Ӯ (Ҳас. 17,1-11). Ин на фақат аломати ҷисмонӣ, балки рамзи рӯҳонӣ ҳам буд. Иброҳим хатна карда шуд, ба аломати он ки ба Худо бовар мекунад (Рум. 4,11). Ба зудӣ яҳудиён аҳамияти *рӯҳонии* хатнаро фаромӯш карданд ва онро фақат чун маросим ба ҷо меоварданд. Ҳамин тариқ, расму русум аҳамияти худро барои Худо гум кард.
   Дар Аҳди Нав хатна дигар амр карда намешавад, зеро ҳозир Худо файзро ҳам ба ғайрияҳудиён, ҳам ба яҳудиён баробар медиҳад. Дар ибтидои таърихи ҷамоат гурӯҳи масеҳиёни яҳудӣ исрор доштанд, ки хатна барои наҷот зарур аст. Барои ҳамин ҳам ин гурӯҳ чун «хатнашудагон» машҳур буд (Ғал. 2,12).
5. (2,3) Нақли хеле ҳам пурраро дар бораи ин воҳӯрӣ дар Амалҳо 15 ёфтан мумкин аст. Онро бо диққат омӯхтан лозим аст.
6. (2,11) Ниг. эзоҳи 2.
7. (2,13) Аломатҳои китобатӣ, аз ҷумла нохунакҳо, дертар илова шуданд. Мувофиқи ақидаи баъзе тафсирдиҳандагон иқтибос дар ин ҷо ба охир мерасад, ва онҳо ояти 15-21-ро чун *шарҳи дертари* Павлус ба он чи вай ба Петрус гуфт, баҳо медиҳанд.
8. (2,21) W. M. Clow, *The Cross in the Christian Experience,* саҳ. 114.
9. (3,1) Гарчанде дар забони юнонӣ дар калимаи «кӣ» шаклҳои шумораи танҳо ва ҷамъ фарқ мекунанд, ҷавоб дар шумораи ҷамъ ин ҷо низ мумкин аст.
10. (3,13) J. Cynddylan Jones, *Studies in the Gospel According to St. John,* саҳ. 113.
11. (3,20) Ҳарчанд чунин менамояд, ки ин далел ба он ки баъдтар Масеҳ Миёнарави Аҳди Нав номида шудааст, мухолифат менамояд (Ибр. 9,15), калимаи *«миёнарав»* дар ин ду ҷой ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Мусо фақат дар он миёнарав буд, ки шариатро аз Худо қабул намуд ва онро ба Исроил супурд. Вай намояндаи одамон буд. Масеҳ Миёнарави Аҳди Нав ба маънои хеле васеътар аст. Пеш аз он ки Худо баракатҳои ин паймонро росткорона ато карда тавонад, Худованд Исо бояд мемурд. Айнан ҳамин хел, ҳамин ки марг иродаи охирин ва васияти одамро ба ҳаракат меоварад, Аҳди Нав ҳам бо хуни Ӯ бояд мухр зада мешуд. Ӯ Худро чун фидияе барои ҳама бояд медод (1Тим. 2,6). Масеҳ на фақат баракатҳои паймонро ба халқи Худ кафолат медиҳад, балки одамони паймони Худро дар ҷаҳони душманона нигоҳ медорад. Ӯ инро чун Саркоҳин ва Ҳимоятгар мекунад ва ин ҳам як қисми миёнаравии Ӯ мебошад.
12. (3,24) Калимаи юнонии «пайдагогос» (ки аз он калимаҳои *педагог, педагогика*

ба вуҷуд омадаанд) айнан «нигаҳбони кӯдакон»-ро ифода мекунад. Чунин одам, одатан ғулом, кӯдакро ба мактаб ва аз мактаб ба хона бояд мебурд. Баъзан вай таълим ҳам медод.

13. (4,7) Дар баъзе матнҳои юнонӣ *«ворис ба василаи Худо»* гуфта мешавад.
14. (4,7) Norman B. Harrison, *His Side Versus Our Side,* саҳ. 71.
15. (4,13) Дар шарҳи «нотавонии ҷисмӣ»-и Павлус якчанд назария пешниҳод карда мешуд. Ягон хел беморecho чашм, яке аз онҳое ки дар Шарқи Наздик васеъ паҳн гаштаанд, тафсири аз ҳама мувофиқ аст. Инчунин, табларза, сардардӣ, саръ ва дигар бемориҳо низ тахмин карда мешуданд.
16. (4,17) Stott, *Galatians,* саҳ. 116.
17. (5,1) C. H. Mackintosh, *Genesis to Deuteronomy,* саҳ. 232-233.
18. (5,2) Jack Hunter, *What the Bible Teaches, Galatians – Philemon,* саҳ. 78.
19. (5,4) C. F. Hogg and W. E. Vine, *Epistle of Paul the Apostle to the Galatians,* саҳ. 241.
20. (5,13) Arthur T. Pierson, маълумоти пурратаре нест.
21. (5,16) C. I. Scofield, *In Many Pulpits with Dr. C. I. Scofield,* саҳ. 234.
22. (5,19-21) Матни НА *«зинокорӣ»-ро* хориҷ мекунад. Калимаи *«зино»* («порнейа») аксар чун *фосиқии шаҳвонӣ* тарҷума карда мешавад, ки зинокориро дар бар мегирад. Лекин аз эҳтимол дур аст, ки Павлус аниқ ишорат намудани ин гуноҳи васеъ паҳнгаштаи хиёнати заношӯиро дар номгӯи айбҳои ҷисмонӣ фаромӯш кунад.
23. (5,19-21) Дар матни НА *«кушторҳо»* («фоноӣ») партофта шудааст. Азбаски ин калима ба калимаи пешина хеле монанд аст («фтонои», «ҳасад»), вай ба осонӣ ҳангоми аз нав навиштан афтида монданаш мумкин буд.
24. (5,19-21) Ниг. шарҳ ба 1Қуринтиён 6,9.
25. (5,22-23) Samuel Chadwick, иқтибос аз James A. Stewart, *Pastures of Tender Grass,* саҳ. 253.
26. (5,24) Аорист «эстаурозан» на ба натиҷаи то ҳол давомкунанда, балки ба амали иҷрошуда ишора мекунад.
27. (6,7) J. A. Froude, маълумотҳои пурратаре нестанд.

# Рӯйхати адабиёт


Cole, Alan.
*The Epistle of Paul to the Galatians.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1965.

Eadie, John.
*Commentary on the Epistle of Paul to the Galatians.*
Edinburgh: T. and T. Clark, 1884.

Harrison, Norman B.
*His Side Versus Our Side.*
Minneapolis: The Harrison Service, 1940.

Hogg, C. F. a. W. E. Vine.
*Epistle to the Galatians.*
Glasgow: Pickering and Inglis, 1922.

Ironside, Harry A.
*Expository Messages on the Epistle to the Galatians.*
New York: Loizeaux Brothers, 1941.

Kelly, William.
*Lectures on the Epistle of Paul the Apostle to the Galatians.*
London: G. Morrish, сол номаълум

Lightfoot, J. B.
*The Epistle of St. Paul to the Galatians.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1962.

Mackintosh, C. H.
*Genesis to Deuteronomy.*
Neptune, N. J.: Loizeaux Bros.

Stott, John R.
*Only One Way: The Message of Galatians.*
Downers Grove, IL: InterVarsity Press, 1968.

# НОМА БА ЭФЕСУСИЁН

*Тоҷи ҳамаи асарҳои Павлус.*
Дж. Армитиҷ Робинсон

*Номаи Павлус оид ба осмони сеюм.*
А. Т. Пиерсон

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Дар Нома ба Эфесусиён хусусиятҳои зиёде ҳастанд, ки барои ҳамаи номаҳои Павлус хосанд: дуруд, шукргузорӣ, аз пайи баёни таълимот насиҳат оид ба татбиқи он, дурудҳои хотимавӣ. Бо вуҷуди ин, аслан мактуб буда, вай мавъизаеро ё ҳатто парастиши масеҳиро бо дуоҳо ва пандҳои он ба ёд меоварад. Дар ин нома, мувофиқи гуфтаҳои Мурҳед, «мо ба оромӣ ва сукунати муқаддасгоҳ ворид мешавем ... Дар ин ҷо муҳити фикру хаёли оромона, парастиш ва осоиш ҳукмрон аст».[1]

Агарчи аксари илоҳиётшиносон бо ақидаи дар боло зикршудаи Робинсон пурра розианд, баъзе аз олимони муосир, ҳаждаҳ ё нуздаҳ асри таълимоти масеҳиро дур андохта, мегӯянд, ки Павлус муаллифи Нома ба Эфесусиён буда наметавонист. Лекин оё фактҳое ҳастанд, ки барои асоснок ҳисобидани ин нуқтаи назар имкон медода бошанд?

### II. МУАЛЛИФӢ

*Шаҳодатҳои зоҳирӣ ҳеҷ* гуна шубҳа намегузоранд, ки муаллифи ин Нома Павлус буд. Аз Клименти Румӣ, Игнатий, Поликарп, Ҳермас сар карда то Клименти Искандариягӣ, Ириней ва Ипполит дар ҳеҷ яке аз номаҳои дигари вай чунин сели бармаҳал ва азими шаҳодатҳо ба фоидаи ҳаққоният нест. Маркион онро ба қонуни худ дохил кардааст, агарчи онро Нома ба Лоудикиягиҳо номидааст. Ҳамчунин Қонуни Мураторӣ Нома ба Эфсусиёнро чун номаи Павлус зикр мекунад.

Ба *шаҳодати дохилӣ* чунин далелҳо тааллуқ доранд: муаллиф ду маротиба худро Павлус *меномад* (1,1 ва 3,1) ва мактуб он қадар (дар *баъзе* ҷанбаҳо) ба Нома ба Кулассиён монанд аст, ки тамоми асосҳоро дорем, то тахмин кунем, ки онҳо тақрибан дар як вақт навишта шудаанд. Сохти мактуб, чунон ки дар боло зикр шуда буд, барои мактубҳои Павлус хос аст. Албатта, дар ин китоб Павлус якчанд ғояҳои нав ва мулоҳизаҳоро тасвия мекунад, лекин агар муаллиф инро карда наметавонад, бе он ки вайро дар талбис айбдор кунанд, пас муаллифони Навиштаи Муқаддас имкониятҳои дар ҳақиқат маҳдуд доранд, то ба муқаддасон дар комёб шудан ба камолоти рӯҳонӣ ёрӣ диҳанд!

Яке аз аввалинҳо, ки муаллифии Павлусро инкор намуд, илоҳиётшиноси либералии олмонӣ Шлейермахер буд. Бисёр илоҳиётшиносони ҳозиразамон ҳам, ба монанди Моффатт ва Гудспид, ба ибрати вай пайравӣ намуданд. Далелҳои субъективии гуногун истифода шуда буданд, ки ба луғати китоб, услуби он, таълимоти «тараққикарда» ва ғайра дахл доштанд. Бо вуҷуди ин ба ҳар кадоми ин далелҳо ҷавоби мукаммал ҳаст. Бо назардошти шаҳодатҳои зоҳирии баҳснопазир ва миқдори зиёди илоҳиётшиносон, ки мувофиқи ақидаашон, нома на танҳо дар рӯҳияи Павлус навишта шудааст, балки, аз рӯи суханони Колриҷ «комилан асари илоҳӣ» мебошад, Нома ба Эфесусиён бояд ҳақиқӣ эътироф гардад.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Дар баробари номаҳо ба Кулассиён, ба Филиппиён ва ба Филемун, Нома ба Эфесусиён ба «номаҳои зиндонӣ» тааллуқ дорад.

Мухолифатҳо аз боиси он ба вуҷуд омаданд, ки дар ин ҷо кадом ҳабси зиндонӣ дар назар дошта мешавад (3,1; 4,1). Ҳарчанд баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин истиқомати дусолаи Павлус дар Қайсария ё ҳатто ҳабси бо шаҳодатҳо собитнашуда дар Эфесус буд, бо вуҷуди он, ҳамаи далелҳо ба фоидаи ҳабси зиндонии якум дар Рум гувоҳӣ медиҳанд (ба зудӣ баъд аз соли 60-уми баъди милод). Чун Нома ба Куласиён (Кул. 4,7-9), ин номаро ба ҷамоатҳои Осиё Тихиқус супурда буд (6, 21.22). Ин монандии мавзуи таълимотии онҳоро шарҳ медиҳад: он чи фикри расулро дар он рӯзҳо банд мекард, дар мактубҳои ҳамон вақт навиштаи вай инъикос ёфтааст.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Мавзуи асосии Нома ба Эфесусиён он чизест, ки Павлус «сирр» меномад. Вале дар зери ин истилоҳ вай на ягон чизи эзоҳнопазир, балки ҳақиқати муъҷизанокеро мефаҳмад, ки пеш ниҳон буд, аммо акнун эълон шудааст.

Ҳақиқати олӣ, ки мавзуи китобро дар бар мегирад, чунин аст: яҳудиёни масеҳӣ ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ акнун дар Исои Масеҳ як мебошанд. Онҳо аъзоёни баробарҳуқуқи ҷамоат, Бадани Масеҳанд. Онҳо аллакай ҳозир аз тарафи Худо дар Масеҳ дар осмонҳо шинонда шудаанд, баъдтар бошад ҷалоли Ӯро чун Сардори тамоми офариниш бо ҳам мебинанд.

Дар бораи сирр дар тамоми шаш боби Нома ба Эфесусиён гуфта мешавад.

Дар боби якум он сирри иродаи Худо номида шудааст, ки бо бесабрӣ рӯзеро интизор аст, ки ҳама чизи заминӣ ва осмонӣ таҳти сардории Масеҳ ҷамъ карда мешавад (о. 9.10). Яҳудиёни масеҳӣ («мо», о. 11) ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ («шумо», о. 13) ин ҷалолро бо Ӯ бо ҳам мебинанд. Онҳо якҷоя бо Масеҳ бар тамоми олам чун Бадани Ӯ ва пуррагии Ӯ ҳукмронӣ хоҳанд кард (о. 22.23).

Боби дуюм тасвир мекунад, ки чӣ хел яҳудиён ва ғайрияҳудиён аз рӯи файз наҷот ба даст меоваранд, чӣ хел онҳо бо Худо ва бо ҳамдигар сулҳ ба даст меоваранд, чӣ хел онҳо дар ягонагӣ бо Масеҳ як одами нав мегарданд ва чӣ хел онҳо парастишгоҳи муқаддасро, ки дар он Худо бо Рӯҳи Худ сокин аст, зоҳир месозанд.

Боби сеюм шарҳи аз ҳама пурраи ин сирро медиҳад. Ин ҷо Павлус оид ба он чун оид ба «сирри Масеҳ» (о. 4) сухан меронад ва Масеҳ – Сардор ва ҳамаи имондорон – Бадани Ӯро дар назар дорад. Дар ин Бадан ғайрияҳудиёни масеҳӣ ҳамирсон ва шарикони ваъдаи Худо гардиданд (о. 6).

Дар маркази боби чаҳорум ягонагии Бадан ва нақшаи Худо барои рушди рӯҳонии он мебошад (оятҳои 1-16).

Дар боби панҷум ба сирр номи «Масеҳ ва Ҷамоат» дода шудааст (о. 32). Муносибатҳои байни Масеҳ ва Ҷамоат барои муносибатҳои байни зану шавҳари масеҳӣ бояд ибратомӯз бошанд.

Ва ниҳоят, дар боби шашум Павлус оид ба сирри Хушхабар, ки вай дар занҷирҳо сафири он буд (о. 19.20), сухан меронад.

Тасаввур кунед, ин хабари ба ғайрияҳудиён фиристодашуда ба онҳо чӣ таассуроте бахшид. Онҳо на танҳо бо файз ба воситаи имон, ба монанди яҳудиён наҷот ёфтанд, балки бори аввал бо онҳо ҷои баробарро ишғол намуданд. Онҳо дар мавқеи худ назди Худо дар ҳеҷ чиз аз яҳудиён камӣ надоштанд. Ба онҳо, ба Бадани Масеҳ ва ба Арӯси Ӯ пешакӣ муқаррар гардида буд, ки ҷалоли Ӯро бо ҳам дида, якҷоя бо Ӯ ҳукмронӣ кунанд.

Боз як мавзуи муҳими Нома ба Эфесусиён *муҳаббат* (юн. «агапе», муҳаббате ки аз рӯи ирода ифода ёфтааст) мебошад. Павлус мактуби худро бо ҳамин ғоя сар мекунад ва бо худи ҳамин онро ба охир мерасонад (1,4; 6,24); ин исм ва феъли мувофиқи он дар Эфесусиён бештар аз дигар китобҳои Павлус вомехӯранд. Дар ин пешбинии Рӯҳулқудсро дидан мумкин аст, зеро дар давоми сӣ соли минбаъда ин ҷамоати калон ва фаъол ҳамеша ба таълимотҳои дурӯғин мухолифат менамуд, лекин дар охири аср дар номаи Худ ба ҷамоати Эфесус Худованди мо мегӯяд, ки нисбати вай иддаое дорад, ки вай *муҳаббати* аввалинро тарк кардааст (Ваҳй 2,4).

# Нақша

I. МАВҚЕИ ИМОНДОР ДАР МАСЕҲ (Б. 1–3)
  А. Салому паём (1,1.2)
  Б. Павлус Худоро барои баракати файз ҳамду сано мегӯяд (1,3-14)
  В. Павлус барои муқаддасон шукргузорӣ менамояд ва барои онҳо дуо мегӯяд (1,15-23)
  Г. Қудрати Худо дар наҷот додани яҳудиён ва ғайрияҳудиён зоҳир шуд (2,1-10)
  Ғ. Ягонагии имондорони яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ дар Масеҳ (2,11-22)
  Д. Муҳокимаронӣ оид ба сирр (3,1-13)
  Е. Дуои Павлус оид ба муқаддасон (3,14-19)
  Ё. Ситоиши Павлус (3,20.21)

II. ТАРЗИ ЗИСТИ ИМОНДОР ДАР МАСЕҲ (Б. 4–6)
  А. Даъват ба ягонагӣ дар байни масеҳиён (4,1-6)
  Б. Барнома барои ҳамкории дурусти аъзоёни Бадан (4,7-16)
  В. Даъват ба ахлоқи нав (4,17–5,21)
  Г. Даъват ба худотарсии шахсӣ дар оилаи масеҳӣ (5,22–6,9)
  Ғ. Даъват ба омодагӣ барои ҷанги рӯҳонӣ (6,10-20)
  Д. Саломҳои шахсии Павлус (6,21-24)

# Тафсир

## I. МАВҚЕИ ИМОНДОР ДАР МАСЕҲ (Б. 1–3)

### А. Салому паём (1,1-2)

**1,1** Номи *Павлус* «хурдакак»-ро ифода мекунад. Агарчи аз рӯи сифатҳои ҷисмонии худ, шояд, вай ба ин тасвир мувофиқ меомад, аммо таъсири рӯҳонии вай бузург буд. Худро муаррифӣ карда, вай худро *расули Масеҳ* меномад. Ин онро ифода мекунад, ки вай аз Худованди ба осмон рафта супориши махсус гирифтааст. Ба Павлус супурда шуда буд, ки ба ғайрияҳудиён Хушхабарро мавъиза кунад ва оид ба сирри бузург таълим диҳад – оид ба Ҷамоат (3,8.9). Азбаски дар ин Нома пеш аз ҳама сухан оид ба Ҷамоат (ҳақиқате ки танҳо ба пайғамбарон ва расулон ошкор шуда буд) меравад, пас комилан мувофиқ аст, ки Павлус худро *расул* меномад. Ин асло зуҳуроти ғурури вай набуд, балки шарҳи он ки дар кадом асос вай ваколат дорад оид ба ин мавзуъ сухан ронад. Ба сарчашмаи ин ваколат вай бо суханони *«бо хости Худо»* ишорат менамояд. Павлус ин машғулиятро худаш интихоб накардааст. Ва ҳеҷ кас аз одамон вайро ба ин кор вазифадор накарда буд. Аз аввал то охир ин даъвати Худо буд (Ғал. 1,1).

Ин мактуб *ба муқаддасоне* фиристода шудааст, *ки дар Эфесус мебошанд ва дар Масеҳ Исо вафодоранд. Муқаддасон* одамоне мебошанд, ки барои Худо аз ҷаҳон ҷудо карда шудаанд. Аҳди Нав ҳамаи имондорони аз нав зодашударо чунин меномад. Ин сухан асосан мавқеи масеҳиро *дар* Масеҳ нишон медиҳад, ҳаргиз на сифати вайро. *Дар Масеҳ* ҳамаи имондорон *муқаддасонанд,* гарчанде онҳо худ ба худ ҳанӯз на ҳамеша муқаддасона зиндагӣ мекунанд. Масалан, Павлус, ба қуринтиён муроҷиат намуда онҳоро муқаддасон меномад, гарчанде аз оятҳои минбаъда равшан аён аст, ки онҳо на чандон муқаддасона зиндагонӣ мекунанд. Ва ба ҳар ҳол, Худо мехоҳад, ки рафтори мо ба мавқеи мо мувофиқат кунад, то ки муқаддасон муқаддас бошанд.

*Ва дар Исои Масеҳ вафодоранд (дар тарҷумаи дигар «аминанд»).* Калимаи «амин» «имондор»-ро ифода менамояд ва бинобар ин барои ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ чун тавсиф хизмат менамояд. Масеҳиён, албатта, бояд ба маънои эътимоднокӣ низ *амин,* вафодор бошанд. Лекин ин ҷо фикри асосӣ дигар аст: онҳо *Исои Масеҳро* ягона Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ эътироф намудаанд.

Дар ду дастнависи кадимтарин калимаи «дар Эфесус» партофта шудааст, агарчи он дар аксари дастнависҳо ҳаст. Аксари илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки ин мактуби дастурӣ буда, умуман ба ҷамоатҳои масеҳӣ

навишта шудааст ва барои хондан аз як ҷамоат ба ҷамоати дигар дода мешуд, ҷамоат дар Эфесус бошад дар байни онҳо аз ҳама машҳур буд. Хушбахтона, ин фарқи нусхаҳо на ба масъала оид ба ҳақиқӣ будани нома, на ба қимати вай барои мо ҳеҷ як таъсире надорад.

**1,2** Баъдан салому паёмҳои расул меоянд. Бар хилофи саломҳои ҳозиразамон, ҳар як сухан ин ҷо бо маънои амиқи рӯҳонӣ саршор аст.

*Файз* мадади Худоро дар зиндагии ҳаррӯза ифода мекунад. Хонандагони ин мактуб аллакай бо файзи Худо, бо марҳамати Ӯ ба ҳалокшавандагон наҷот ёфта буданд. Лекин акнун ба мушкилоти ҳаётӣ, душвориҳо ва андӯҳҳо дучор шуда, онҳо ба қувва *аз ҷониби Худо* эҳтиёҷ доштанд. Расул ин ҷо ба онҳо маҳз ҳаминро хоҳон аст.

*Осоиш* оромии рӯҳро дар тамоми шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёт ифода менамояд. Дар лаҳзаи имон овардан муқаддасон аллакай осоиш *бо* Худоро ба даст оварданд. Лекин онҳо ҳар рӯз ба *осоиш аз* Худо, ботамкинӣ ва оромии новобаста ба вазъиятҳои берунӣ эҳтиёҷ доштанд, ки ҳангоме мо ҳама чизро дар дуо назди Худо меоварем, меоянд (Фил. 4,6.7).

Таваҷҷуҳ намоед, ки дар ибтидо *файз* ва баъд *осоиш* меояд. Ин пайдарҳамӣ бетағйир аст. Танҳо пас аз он ки *файз* масъалаи гуноҳро ҳал менамояд, *осоиш* ба даст овардан мумкин аст. Танҳо ба шарофати қуввае ки Худо ба масеҳӣ медиҳад (бе он ки вай сазовори он бошад), вай ҳар рӯз *осоишро, осоиши* комилро дар тағйиротҳои ҳархела дар ҳаёташ дарк карда метавонад.

Калимаи *«файз»* (юн. «харис») барои забони юнонӣ маъмулӣ буд. Яҳудиён калимаи *«осоиш»-ро* (ибр. «шалом») ба сифати дуруд истифода мебурданд. Онҳоро бо ҳам муттаҳид кунед ва шумо Хушхабарро дар ҳаҷми хурд барои тамоми олам ба даст меоваред. Онҳоро паҳлу ба паҳлу бо ҳамдигар гузошта, мо ҳақиқатро оид ба Ҷамоати Аҳди Нав ба даст меоварем, ки онро Павлус чунин равшан дар ин нома нақл мекунад: Дар Масеҳ яҳудиён ва масеҳиён дар як бадан муттаҳид шудаанд.

*Файз ва осоиш аз ҷониби Худо, Падари мо, ва Худованд Исои Масеҳ* меоянд. Павлус, дудила нашуда, *Худованд Исоро* бо *Худо* Падар ба як сатҳ мегузорад: Писарро вай баробари Падар эҳтиром мекунад. Мо бояд худи ҳамонро кунем (Юҳ. 5,23).

Биёед ба пайвастшавии олидараҷаи калимаҳо бодиққаттар нигоҳ кунем: *«Худо, Падари мо»*. Калимаи *«Худо»* худ аз худ водор месозад, ки оид ба Касе ки беандоза олиқадр ва дастнорас аст, фикр кунем. Номи *«Падар»*, баръакс, оид ба Он Касе мегӯяд, ки ба мо хеле наздик ва дастрас аст. Онҳоро бо ҷонишини «мо»-ро пайванд карда, шумо ҳақиқати ҳайратангезро ба даст меоваред: Худои бузург, ки дар абадият сокин аст, ба ҳар касе ки ба воситаи имон ба *Худованд Исо* аз олами боло зода мешавад, *Падари* дӯстдошта мегардад.

Номи пурраи Наҷотдиҳандаи мо чунин садо медиҳад: *Худованд Исои Масеҳ*. Чун *Худованд,* Ӯ Соҳиб ва Хоҷаи кулли тамоми он чи мо бо худ ифода менамоем ва он чи дар мост, мебошад. Чун *Исо,* Ӯ Наҷотдиҳандаи мо аз гуноҳ гардид. Чун *Масеҳ,* Ӯ Пайғамбар, Коҳин ва Подшоҳи аз ҷониби Худо тадҳиншуда гардид. Ба ҳар як шунавандаи бодиққат номи Ӯ чизи бисёре мегӯяд!

## Б. Павлус Худоро барои баракати файз ҳамду сано мегӯяд (1,3-14)

**1,3** Аз пайи дуруди кӯтоҳ расул бо суруди ҳамду санои ҳайратоваре садои худро баланд мекунад, ки дар байни сурудҳои ситоишии Аҳди Нав яке аз қуллаҳои боҳашаматтарин гардидааст. Суханони вай аз қалби саршори шавқу завқ ва шукргузорӣ ба Худо барои баракати файз бармеоянд. Дар ин оятҳо (3-14) Павлус фаъолияти Худоро дар наҷот додани одамон, аз абадияти гузашта сар карда ба воситаи вақт то абадияти оянда тасвир менамояд. Дар айни ҳол нисбати сирри хости Худо ҳам чизе нагуфтан имкон надорад – масеҳиёни яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ шарики ин мероси пурҷалол гаштаанд.

Дар аввал Павлус ҳама касонеро, ки *Худоро* медонанд, даъват мекунад, то Ӯро муборак хонанд, яъне бо ҳамду сано, муҳаббат ва парастиши худ ба Ӯ хурсандӣ оваранд. *«Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ»*. Баъзан Исо ба Худо муроҷиат намуда, Ӯро Худо меномид (Мат. 27,46). Баъзан Ӯро Падар меномид (Юҳ. 10,30). Худо, ки муборак хонда мешавад, дар айни замон

баракатдиҳанда ҳам ҳаст. Мо ситоиш карда, Ӯро муборак мехонем; Ӯ моро баракат медиҳад ва бо сарвати файзи Худ сарфароз намуда, ба дилҳои мо фараҳ меоварад.

*Ӯ моро бо ҳар баракати рӯҳоние ки дар ҷойҳои осмонӣ аст, дар Масеҳ баракат додааст.*

Пирамидаи файзро дида мебароем:

*баракат;*
*баракати рӯҳонӣ;*
*ҳар баракати рӯҳонӣ;*
*ҳар баракати рӯҳонӣ дар ҷойҳои осмонӣ;*
*ҳар баракати рӯҳонӣ дар ҷойҳои осмонӣ дар Масеҳ.*

Пеш аз ҳама ба он таваҷҷуҳ намоед, ки ҳам дил, ҳам дасти Ӯ то чӣ андоза саховатманданд – *ҳар баракати рӯҳонӣ.* Инчунин ба он диққат диҳед, ки ин баракатҳои *рӯҳониანд.* Агар мо онҳоро бо баракатҳои Исроили зердасти шариат муқоиса кунем, фаҳмидани моҳияти онҳо бароямон осонтар мешавад. Дар Аҳди Қадим мукофот ба яҳудии амин умри дароз, оилаи калон, ҳосили фаровон ва муҳофизат аз душманон буд (Так. Шар. 28,2-8). Баракатҳои масеҳиён бошад, баръакс, *рӯҳонианд,* яъне онҳо ба арзишҳои ғайримоддӣ, диданашаванда ва бобақо дахл доранд. Бале, муқаддасони Аҳди Қадим ҳам аз баъзе баракатҳои рӯҳонӣ лаззат мебурданд, лекин, чунон ки мо минбаъд мебинем, имрӯз ба масеҳиён баракатҳои дар гузашта номаълум дастрасанд.

Баракатҳои мо *дар ҷойҳои осмонӣ* мебошанд. Ин на баракатҳои моддӣ дар замин, балки *рӯҳонӣ* ва *дар ҷойҳои осмонӣ* мебошанд. Ибораи *«дар ҷойҳои осмонӣ»* дар Эфесусиён панҷ маротиба вомехӯрад:

*1,3 Соҳаи баракатҳои рӯҳонии мо.*

*1,20 Ҷое ки Масеҳ дар тахт нишастааст.*

*2,6 Ҷое ки мо дар Масеҳ дар тахт нишастаем.*

*3,10 Маҳалле ки фариштаҳо аз он ҷо ҳикмати илоҳии дар Ҷамоат зоҳиршударо мушоҳида мекунанд.*

*6,12 Маконе ки аз он ҷо қувваҳои рӯҳии бадӣ, ки мо бо онҳо мубориза мебарем, мебароянд.*

Ҳамаи инро якҷоя карда, мо таърифи ҳақиқии ба Навиштаи Муқаддас мувофиқро ба даст меоварем, ки *ҷойҳои осмонӣ* чист. Аз рӯи гуфтаи Унгер, онҳо «соҳае мебошанд, ки он ҷо мавқеи масеҳӣ ва ҳамаи он чи ба вай дар роҳи зиндагӣ вомехӯрад, ба иттифоқи ӯ бо Масеҳ ба воситаи таъмид бо Рӯҳ вобаста аст». Тамоми баракатҳои *рӯҳонӣ* дар Масеҳанд. Маҳз Ӯ онҳоро ба мо бо кори дар Ҷолҷолто ба анҷом расонидааш фароҳам овард. Ба воситаи Ӯ онҳо ба мо дастрас гардиданд. Ҳамаи он чи барои масеҳӣ дар Худо ҳаст, дар Худованд Исо ниҳон аст. Ва барои ба даст овардани баракатҳо мо бояд бо имон бо Масеҳ муттаҳид шавем. Дар худи ҳамон лаҳзае ки одам *дар Масеҳ* буданро сар мекунад, вай соҳиби онҳо мегардад. Чафер менависад: *«Дар Масеҳ будан қисмати ҳамаи наҷотёфтагон аст дар ҳама чизе ки Масеҳ ба амал овард, дар ҳама чизе ки Ӯ ҳаст ва дар ҳама чизе ки Ӯ ягон вақт хоҳад буд, ҳисса доштан аст».*[2]

*«Дар Масеҳ»* яке аз муҳимтарин калимаҳои Нома ба Эфесусиён мебошад. Дар Аҳди Нав ду ҳақиқати ба ҳамдигар зич алоқаманд ҳаст – ҳақиқат оид ба мавқеи масеҳӣ ва ҳақиқат оид ба тарзи зисти вай.

Дар ибтидо оид ба мавқеи масеҳӣ. Ҳамаи онҳое ки дар ин олам зиндагӣ мекунанд, ё «дар Одам», ё «дар Масеҳ»-анд. «Дар Одам» яъне дар гуноҳ зиндагӣ мекунанд, бинобар ин ба чунин одамон ҳукми Худо таҳдид менамояд. Онҳо худ ба худ аз уҳдаи ба Худо мақбул шудан, илтифоти Ӯро сазовор шудан намебароянд. Онҳоро бо Худо ҳеҷ чиз алоқаманд намекунад ва, агар ба онҳо он чи сазовораш ҳастанд дода мешуд, ҷовидона ҳалок мешуданд.

Ҳангоме ки одам аз олами боло зода мешавад, Худо дигар ба вай чун ба фарзанди Одам, ки сазовори маҳкумият аст, нигоҳ намекунад. Ба ҷои ин Ӯ вайро *дар Масеҳ* мебинад ва дар ин асос қабул менамояд. Ин хеле муҳим аст. Гуноҳкори имондор ҳуқуқи ба ҳузури Худо ворид шуданро на барои хислати худ, балки барои он мегирад, ки вай *дар Масеҳ аст. Дар Масеҳ* буда, вай камолоти Худи Масеҳро дар бар карда назди Худо ҳозир мешавад. Ва ӯ аз илтифот ва ризомандии Худо то он замон истифода мебарад, ки онҳоро Масеҳ истифода мебарад, яъне ҷовидона.

Инак, мавқеи масеҳӣ *дар Масеҳ* чӣ гуна будани вай аст. Лекин тарафи дигар ҳам ҳаст – тарзи зисти вай. Ин чигунагии худи вай аст. Мавқеи вай комил аст, лекин тарзи зисти вай аз камолот дур аст. Худо бошад мехоҳад, ки тарзи зисти масеҳӣ ба мавқеи вай боз бештар

мувофиқат намояд. Ин мувофиқат танҳо ҳамон вақт пурра мегардад, ки вай ба осмонҳо меравад. Лекин ҷараёни муқаддасшавӣ, рушди рӯҳонӣ, ҳангоме ки масеҳӣ бештар ва бештар ба Масеҳ монанд мегардад, тамоми муддати дар замин зистани вай набояд қатъ гардад.

Фарқи байни мавқеи масеҳӣ ва тарзи зисти вайро фаҳмида, аллакай чунин фикрҳои гӯё бо ҳам мухолифро мувофиқ карданамон душвор нест:

| | |
|---|---|
| *Имондорон комиланд (Ибр. 10,14).* | *Имондорон бояд комил бошанд (Мат. 5,48).* |
| *Имондорон барои гуноҳ мурданд (Рум. 6,2).* | *Имондорон бояд худро барои гуноҳ мурда ҳисобанд (Рум. 6,11).* |
| *Имондорон халқи муқаддасанд (1Пет. 2,9).* | *Имондорон бояд муқаддас бошанд (1Пет. 1,15).* |

Сутуни якум оид ба мавқеъ, сутуни дуюм оид ба тарзи зист мегӯяд.

Номаи Павлус ба Эфесусиёнро ба ду қисм, ки ин ҳақиқатро инъикос мекунанд, ҷудо кардан мумкин аст: дар боби 1-3: мавқеи мо – мо дар Масеҳ чӣ гунаем; дар боби 4-6: тарзи зисти мо – мо бояд чӣ гуна бошем. Дар нисфи аввал таълимот баён карда мешавад, дар дуюм – уҳдадории мо. Дар се боби аввал мавқеи мо аксар бо суханони «дар Масеҳ», «дар Исои Масеҳ», «дар Ӯ» ва «ки дар Ӯ» тасвир карда мешавад. Дар се боби охир калимаи «дар Худованд» аксар барои тасвири вазифаҳои мо дар назди Масеҳ, чун Хоҷаи мо, ба кор бурда мешавад. Касе гуфтааст, ки дар қисми аввал хонанда масеҳиро дар афлок дар Масеҳ мебинад, дар қисми дуюм вайро дар ошхона мушоҳида менамояд.

Акнун мо тайёрем баъзе баракатҳои *рӯҳонӣ дар ҷойҳои осмониро,* ки ба мо *дар Масеҳ* тааллуқ доранд, дида бароем.

**1,4** Аввалӣ – интихобшуда будан. *«Чунон ки моро пеш аз бунёдшавии ҷаҳон дар Ӯ интихоб кардааст, то пеши рӯи Ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем».*

Таваҷҷуҳ намоед, ки аввал оид ба интихобшуда будан чун оид ба далели баҳснопазир гуфта мешавад: «Ӯ *моро* интихоб кардааст» Сипас ҷиҳати мавқеии ин ҳақиқат меояд: *«дар Ӯ»,* маҳз дар Шахсият ва дар амали Худованд Исо ҳамаи нақшаҳои Худо барои халқи Худ иҷро шуда буданд. Оид ба замони ин интихоб суханони зерин мегӯянд: *«пеш аз бунёдшавии ҷаҳон».* Мақсади он: *то пеши рӯи Ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем.* Ин мақсад танҳо ҳамон вақт дастрас мегардад, ки мо назди Ӯ ба осмонҳо меоем (1Юҳ. 3,2), лекин мо аллакай дар ин ҷо, дар ин ҷаҳон бояд доимо сӯи он ҳаракат кунем.

Дуо: «Худовандо, маро ҳозир муқаддас гардон, зеро ҳамин аст мақсади охирини Ту. Омин».

---

### ИНТИХОБИ ХУДО

Хиради одам таълимотро оид ба интихоб пурра фаҳмида наметавонад ва бинобар ин мо бояд муфассалтар дида бароем, ки дар ин бобат Навиштаи Муқаддас чӣ мегӯяд (ва чӣ намегӯяд).

Аз як тараф, он таълим медиҳад, ки Худо дар ҳақиқат одамонро барои наҷот додан интихоб менамояд (2Тас. 2,13). Ба масеҳиён он чун ба «мувофиқи таъйиноти пешакии Худо интихобшудагон» (1Пет. 1,2) муроҷиат мекунад. Оид ба он ки онҳо интихоб шудаанд ё не, одамон аз рӯи ҷавоби худ ба Хушхабар ҳукм бароварда метавонанд: ҳамаи онҳое ки онро мешунаванд ва ба он эътимод доранд, интихобшуда шудаанд (1Тас. 1,4-7).

Аз тарафи дигар Навиштаи Муқаддас дар ҳеҷ ҷо намегӯяд, ки Худо одамонро барои ҳалокат интихоб мекунад. Баъзе одамонро барои наҷот интихоб кардани Ӯ ҳанӯз онро ифода намекунад, ки дигаронро Ӯ аз рӯи салоҳдиди Худ ба ҳалокат мефиристад. Ӯ онҳоеро, ки сазовори наҷотанд, ҳеҷ гоҳ ба марг маҳкум наменамояд (зеро чунин одамон нестанд), лекин баъзеҳоро аз онҳое ки сазовори маҳкумиятанд, наҷот медиҳад. Интихобшудагонро тасвир карда, Павлус оид ба онҳо чун оид ба зарфҳои марҳамат, ки онҳоро Худо барои ҷалол омода намудааст, сухан меронад (Рум. 9,23); оид ба ҳалокшудагон бошад вай фақат мегӯяд: «зарфҳои ғазаби барои ҳалокат омода» (Рум. 9,22). Худо зарфҳои марҳаматро барои ҷалол омода месозад, лекин Ӯ одамонро

ба маҳв кардан омода намесозад, худи онҳо инро бо беимонии худ мекунанд.

Таълимот оид ба интихоб ба Худо имкон медиҳад, ки Худо бошад. Ӯ соҳибихтиёр аст, яъне метавонад ҳамон тавре ки ба Ӯ маъқул аст, рафтор намояд, ҳарчанд ҳар гуна ноҳақӣ ба Ӯ нафратангез аст. Агар Худо одамонро ба ҳолашон мегузошт, ҳамаи онҳо ҳалок мешуданд. Оё Ӯ ҳуқуқ дорад ба баъзеи онҳо марҳамат намояд?

Лекин ин ҳоло ҳамааш нест. Худи ҳамон Навиштаи Муқаддас, ки оид ба мустақилии интихоб сухан меронанд, оид ба масъулияти одам низ мегӯянд. Ҳеҷ кас наметавонад наҷотро инкор карда, таълимот оид ба интихобро чун баҳона истифода барад. Худо наҷотро ба ҳамаи одамон дар ҳама ҷо ройгон пешниҳод мекунад (Юҳ. 3,16; 3,36; 5,24; Рум. 10,9.13). Ҳар кас аз гуноҳҳои худ тавба карда ва ба Худованд Исои Масеҳ имон оварда, наҷот ёфта метавонад. Пас, агар одам ба ҳалокат равад, ин танҳо аз он сабаб аст, ки худаш инро интихоб мекунад, на барои он ки инро Худо мехоҳад.

Гап ҳамин ки худи ҳамон як Навиштаи Муқаддас ҳам оид ба интихоб таълим медиҳад, ҳам оид ба наҷоти ройгон, ки ба ҳамаи онҳое ки онро қабул мекунанд, дода мешавад. Ҳар ду таълимот дар як оят равшан баён карда шудаанд: «Ҳар он чи Падар ба Ман ато кунад, назди Ман хоҳад омад ва ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд» (Юҳ. 6,37). Дар нимаи аввали оят оид ба интихоби соҳибихтиёронаи Худо гуфта мешавад; дар нимаи дуюм бошад Исо ба ҳама наҷот пешниҳод мекунад.

Худо, дар айни замон ба ҳама наҷотро ройгон пешниҳод намуда, чӣ тавр ягон касро интихоб карда метавонад? Ин дар ҳақиқат сирри бузург аст. Лекин сирр барои мо, на барои Худо. Барои мо кори аз ҳама бохирадона ба ҳар ду ҳақиқат бовар кардан хоҳад буд, зеро дар Навиштаи Муқаддас оид ба ҳар ду таълим дода мешавад. Мо ҳақиқатро дар ягон ҷо байни интихобшуда будан ва иродаи озоди одам ёфта наметавонем, он фақат дар ҳар ду ифрот аст. В. Ҷ Блейкӣ гуфтаҳои болоро чунин ҷамъбаст мекунад:

*Ҳам соҳибихтиёрии Худо, ҳам масъулияти одам, ҳам файзи ба ҳама ройгон пешниҳодшуда, ҳамаи ин дар Навиштаи Муқаддас ҳаст. Агарчи мантиқи мо онҳоро ба мутобиқат оварда наметавонад, дар ақли мо барои ҳар яки онҳо бояд ҷой бошад.*[3]

---

**1,5** Баракати дуюми рӯҳонӣ аз хазинаи файзи Худо пешакӣ муайян карда шудан аст. Гарчанде он бо интихоб алоқаманд аст, лекин на худи ҳамон чиз аст. Интихобшуда будан дар хусуси аз тарафи Худо ба наҷот интихоб шудани одамон мегӯяд. Пешакӣ муайян карда шудан бошад як зина болотар меистад: вай мегӯяд, ки Худо қарор дод ҳамаи онҳоеро, ки наҷот меёбанд, *ба писарӣ қабул кунад.* Ӯ моро ба фарзандӣ қабул накарда, наҷот дода метавонист, лекин қарор дод ҳам инро ва ҳам онро кунад.

Бисёр тарҷумаҳо сухани охирини ояти 4-ро бо ояти 5 мепайванданд: «дар муҳаббат пешакӣ муайян намуда».

Ин ба мо оид ба он муҳаббати беназире ёдовар мешавад, ки Худоро водор сохт бо мо чунин меҳрубонона рафтор кунад.

Дар ибораи *«моро пешакӣ муайян намудааст ба писарӣ қабул кунад»* дар хусуси *ба писарӣ қабул кардан* гуфта мешавад. Дар Аҳди Нав «ба писарӣ қабул кардан» маънои ба оилаи Худо ба сифати писари баркамоле ки ҳамаи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои мувофиқро дорад, қабул кардани масеҳиро дорад (Ғал. 4,4-7). Рӯҳияи ба фарзандӣ қабул шудан дар дили масеҳӣ хоҳишеро бедор мекунад, ки ба Худо муроҷиат намуда, Ӯро Падар номад (Рум. 8,15).

*Ба писарӣ қабул кардани* мо *ба воситаи Исои Масеҳ* аст. То даме ки мо дар гуноҳ будем, Худо ба ҳеҷ ваҷҳ ба мо ин наздикиро ба *Худ* дода наметавонист. Он гоҳ ба ин ҷаҳон Исо омад; бо марги Худ, дафн ва растохези Худ Ӯ Худоро комилан қонеъ кунонида, масъалаи гуноҳро ҳал кард. Маҳз дар асоси арзиши ақлнораси қурбонии Ӯ дар Ҷолҷолто Худо моро *ба писарӣ қабул карда* метавонад.

Ва ҳамаи ин *аз рӯи хушнудии хости Худ.* Ин сабаби водоркунандаи соҳибихтиёронаест, ки дар паси пешакӣ муайян карда шудани мо ниҳон аст. Ин ҷавоб ба саволи «Чаро Ӯ чунин кард?» аст. Фақат барои он ки ин аз рӯи *хушнудии хости Ӯ буд.* Ӯ то замоне ки Худро бо фарзандони ба сурати Писари яккаву ягонаи Ӯ табдилёфта ва ба Ӯ ҷовидона монанд иҳота накард, қаноатмандиро дарк карда наметавонист.

**1,6** *Барои ситоиши ҷалоли файзи Худ, ки ба мо дар Дӯстдошта бахшидааст.* Аввал ба файзи Худо дар интихоби мо ва баъд ба пешакӣ муайян намудани мо барои ба фарзандӣ қабул кардан ишорат намуда, Павлус андешаҳои худро бо фикри асосӣ, ки он дар як вақт хитоб, шарҳ ва даъват мебошад, қатъ мекунад. Ин хитоб аст – ҷалоли фавқулодаи чунин файзро дида, кас ба ҳаяҷон меояд. Ин шарҳи он аст, ки мақсад ва натиҷаи файзе ки Худо ба мо зоҳир кардааст, *ҷалоли* шахсии Ӯ мебошад. Барои чунин меҳрубонии нотакрораш Ӯро дар тамоми абадият парастиш кардан лозим аст. Он ба мо ба кадом шарт гуфта шудааст? Ӯ *моро (ройгон) бахшидааст.* Қабулкунандаи ин *файз* кист? *Мо.* Канали файзи Ӯ дар *куҷост?* Дар *Дӯстдошта.* Ин, дар ниҳояти кор, даъват низ ҳаст. Павлус мегӯяд: «Ӯро барои *файзи* пурҷалолаш ситоиш мекунем!» Биёед, пеш аз давом додани роҳамон чунин кунем!

*Худои бузурги мӯъҷизаҳо!*
*Ҳамаи роҳҳои Ту сифатҳои илоҳии Туро инъикос менамоянд.*
*Аммо ҷалоли дурахшони файзи Ту равшантар аз мӯъҷизаҳои дигари Ту медурахшад:*
*Кӣ ба монанди Ту меҳрубон аст?*
*Ва файзи кӣ чунин саховатмандона ва дастрас аст?*

Сэмюэл Дэвис

**1,7** Пешрафти нақшаи азалии Худоро барои халқи Худ мушоҳида намуда, мо ба факти *раҳоӣ* рӯ ба рӯ шудем. Бо ин мо ҳамон ҷанбаи кори Масеҳро дар назар дорем, ки ба шарофати он аз завлонаҳои гуноҳ ва асорати айбдорӣ озод шуда, ба ҳаёти озод қадам ниҳодаем. Худованд Исо Раҳокунанда аст. *(Дар Ӯ мо ... раҳоӣ ... пайдо кардаем.)* Мо наҷотёфтагон ҳастем. *Хуни Ӯ* нархест, ки барои ин пардохта шудааст; ягон чизе ки арзиши камтар дорад, барои ин кофӣ намебуд.

Яке аз натиҷаҳои наҷот *бахшоиши хатоҳост. Бахшоиш* бо наҷот як нест; он яке аз самарҳои наҷот аст. Пеш аз он ки бахшидашавии гуноҳҳо имконпазир шавад, Масеҳ бояд барои он нархи пурраро мепардохт. Ин дар салиб карда шуд. «Дар он лаҳза адолати сахтгиртарин қонеъ карда шуд, ва раҳмдилӣ метавонист оғӯши худро боз кунад».

Оид ба андозаи бахшидашавии мо суханони *«мувофиқи сарвати файзи Ӯ»* мегӯянд. Агар мо сарвати файзи Худоро чен карда тавонем, пас пуррагии бахшидани Ӯро низ чен карда метавонем. *Файзи* Ӯ номаҳдуд аст! *Бахшоиши* Ӯ низ ҳамин тавр аст!

**1,8** Маҳз дар файз Ӯ моро интихоб намуд, пешакӣ муқаррар кард ва фидия дода халос кард. Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест. Ҳамин файзро Ӯ ба фаровонӣ *ҳамроҳи ҳар ҳикмату хирад ато намудааст.* Ин маънои онро дорад, ки Ӯ меҳрубонона ба мо нақшаҳо ва мақсадҳои Худро ошкор кардааст. Ӯ мехоҳад, ки мо ҳикмат ба даст оварем ва моҳияти нақшаҳои Ӯро барои Ҷамоат ва дунё фаҳмем. Бинобар ин Ӯ ба мо асрори Худро боварӣ карда супурдааст, он мақсади бузургеро, ки тамоми таърих ба сӯи он ҳаракат мекунад, нишон додааст.

**1,9** Павлус акнун мефаҳмонад, ки Худо маҳз чӣ гуна ба мо ҳар ҳикмат ва хирадмандӣ ато намудааст, – Ӯ *сирри хости Худро ба мо маълум кардааст.* Маҳз ҳамин аст мавзуи асосии ин Нома – ҳақиқати пурҷалол оид ба Масеҳ ва Ҷамоат. Ин ҳақиқат на барои он *сирр* номида шудааст, ки он чунин пурасрор аст, балки барои он ки он сирри муқаддас аст, ки пеш аз ин ба ҳеҷ кас дастнорас буд, лекин алҳол ба муқаддасон ошкор гардидааст. Сарчашмаи ин нақшаи пурҷалол дар хости мустақили Худост ва омилҳои берунӣ дар ин ҷо мутлақо ҳеҷ гуна нақш намебозанд: ҳама чиз аз рӯи *хушнудии* Ӯ буд. Ва Шахси асосии амалкунандаи ин нақша Худованд Исои Масеҳ аст; суханони *«ки пештар дар Худ муқаррар намуд»* ба ин ишора мекунанд.

**1,10** Акнун Павлус муфассалтар фаҳмондани сирри нақшаи Худоро сар мекунад, ва дар ин боб вай ба ҷанбаи сирр, ки ба оянда дахл дорад, диққати махсус медиҳад. Бобҳои 2 ва 3 ба ҳамон ҷанбаи он, ки ба замони ҳозира вобаста аст, рӯшании бештар меандозанд.

Ба замоне ки Павлус дар назар дорад, ибораи *пуррагии замонҳо* (юн. «ойкономиа») ишора мекунад. Чунон ки мо мефаҳмем, ин ба Подшоҳии Ҳазорсола дахл дорад, ки он вақт Исо бармегардад, то дар замин чун Шоҳи шоҳон ва Худованди фармонравоён ҳукмронӣ кунад. Барои давраи охирини таърихи инсоният дар ин замин Худо нақшаи махсуси идора кардани корҳоро дорад.

Ин нақша – ҳама чизро *зери сардории Масеҳ ҷамъ кардан* аст. Дар Подшоҳии Ҳазорсола Масеҳ бар маҷмуи *ҳама чиз, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин,* хоҳад истод.

Наҷотдиҳанда, ки ҳоло радшуда ва аз дороии Худ маҳрум аст, Худованди ҳама чиз хоҳад шуд, тамоми олам назди Он Касе ки аз ҳама болотар аст, сар хам хоҳад кард. Ҳамин аст мақсади Худо – *Масеҳро* дар Подшоҳии Ӯ Сарвари *ҳама чиз* дар осмон ва замин гузоштан.

Оид ба он ки қудрати Масеҳ то чӣ андоза бузург хоҳад буд, суханони *ҳама чиз, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин* мегӯянд. Беллетт менависад:

*Ин сиррест, ки пештар ба ҳеҷ кас маълум набуд. Дар китоби пайғамбар Ишаъё оид ба он мехонем, ки дар Подшоҳии ҳазорсола замин то чӣ андоза зебо хоҳад буд; аммо оё касе осмони Подшоҳии ҳазорсоларо тахти сарварии Масеҳ тасвир кардааст? Оё Ишаъё сухане оид ба он гуфтааст, ки ҳама чиз, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин, тахти сарварии Одами ҷалолёфта ба ҳам мепайвандад?*[4]

Ояти 10-ро баъзан барои асоснок кардани таълимоти дурӯғин оид ба наҷотёбии умумӣ истифода мебаранд, зеро он гӯё изҳор мекарда бошад, ки ҳама дар охир зинда шуда, дар Масеҳ оштӣ мешаванд. Аммо ин ба оят ягон муносибате надорад. Павлус на оид ба наҷотёбии тамоми дунё, балки оид ба ҳукмронӣ бар олам мегӯяд!

**1,11** Яке аз ҷанбаҳои муҳими ин сирр он аст, ки ҳам масеҳиёни яҳудӣ ва ҳам масеҳиёни ғайрияҳудӣ дар нақшаи азими Худо иштирок мекунанд. Расул дар бораи ин сирр нисбати яҳудиёни масеҳӣ дар оятҳои 11 ва 12, нисбати масеҳиёни ғайрияҳудӣ дар ояти 13 мегӯяд ва сипас онҳоро дар ояти 14 муттаҳид мегардонад.

Агар сухан дар бораи масеҳиёни яҳудинажод равад, пас, чунон ки Павлус менависад, *мо низ дар Ӯ ... пешакӣ муайян шуда будем. Ҳуқуқи* онҳо ба ҳисса дар мерос на аз имтиёзҳои пешинаи халқи Исроил, балки танҳо аз ягонагии онҳо бо Масеҳ сар мезанад. Мерос ин ҷо ба он лаҳзае далолат мекунад, ки онҳо ва ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ ба ҷаҳони ҳайроншуда чун Бадани Масеҳ, чун Арӯси Барра муъҷизавор зоҳир хоҳанд шуд.

Аз худи абадият ба ин масеҳиёни яҳудӣ бо иродаи мустақили Худо ишғол намудани ин ҷои боифтихор пешакӣ муайян шуда буд, онҳо *низ дар Ӯ, ки ҳама чизро мувофиқи нақшаи хости Худ ба амал меоварад, аз рӯи таъйиноти Ӯ пешакӣ муайян шуда* буданд.

**1,12** Худо онҳоро ба ин пешакӣ муқаррар намуд, *то* онҳо тавонанд *барои ситоиши ҷалоли Ӯ* хизмат намоянд. Ба ибораи дигар, онҳо ғанимати файзи Ӯ буда, дар ибрати худ нишон медиҳанд, ки Худо аз чунин масолеҳи ибтидоии бенамуд чӣ карда метавонад, ва бо ин Ӯро *ҷалол* медиҳанд!

Расул оид ба худ ва дигар яҳудиёни масеҳӣ чун оид ба онҳое сухан меронад, ки *пештар ба Масеҳ умед бастаанд.* Инҳо боқимондаи масеҳиёни яҳудӣ мебошанд, ки ба даъвати Хушхабар дар ибтидои масеҳият ҷавоб додаанд. Хушхабарро аввалин шуда яҳудиён шунидаанд. Қисми зиёди халқи Исроил онро қатъиян рад намуданд. Лекин боқимондаи худотарс ба Худованд Исо имон оварданд. Дар қатори он Павлус ҳам буд.

Вақте Исо ба ин замин аз нав меояд, ҳама чиз дигар хел мешавад. Он гоҳ халқи Исроил ба Ӯ, ки найза задаанд, назар медӯзанд, ва барои Ӯ навҳа мекунанд, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа мекунанд, навҳа мекунанд (Зак. 12,10). «Ва он гоҳ тамоми Исроил наҷот меёбад, чунон ки навишта шудааст: аз Сион Раҳокунанда меояд ва худонотарсиро аз Яъқуб дафъ мекунад» (Рум. 11,26).

Павлус ва ҳамзамонони вай – масеҳиёни яҳудӣ ба Масеҳ нисбат ба тамоми халқи боқимондаи Исроил пештар имон оварданд. Бинобар ин ҳам расул мегӯяд, ки онҳо аз ҳама пештар ба Масеҳ умед баста сар карданд.

Онҳое ки ба Масеҳ пешакӣ умед бастанд, якҷоя бо Ӯ бар ин замин ҳукмронӣ хоҳанд кард. Ҳамаи яҳудиёни боқимонда хизматгорони заминӣ дар Подшоҳии Ӯ хоҳанд шуд.

**1,13** Акнун Павлус аз масеҳиёни яҳудитабор ба онҳое ки ғайрияҳудӣ зода шудаанд, мегузарад; ба ин ҷонишини *«шумо»*, ки «мо»-ро иваз кардааст, далолат менамояд. Аз ғайрияҳудиён – онҳое ки наҷот ба даст оварданд, дар сирри хости Худо баробари яҳудиён ҳисса доранд. Бинобар ин расул дар ин ҷо қадам ба қадам роҳеро, ки бо он эфесусиён ва дигар ғайрияҳудиён ба ягонагӣ бо Масеҳ оварда шудаанд, таҳқиқ менамояд.

Онҳо Хушхабарро *шунидаанд.*

Онҳо ба Масеҳ *имон овардаанд.*

Онҳо *бо Рӯҳулқудси ваъдашуда муҳр зада шудаанд.*

Онҳо пеш аз ҳама *каломи ростиро, яъне башорати наҷоти худро шуниданд.* Аслан ин

ба Хушхабари *наҷот* аз рӯи имон ба Худованд Исо дахл дорад. Ин ба маънои васеътар тамоми он чиро, ки Масеҳ ва расулон таълим медоданд, дар бар мегирад.

Ин хабарро шунида, онҳо пурра худро ба дасти Масеҳ ба воситаи амали бошууронаи имон супурданд. Ягона мақсади ҳақиқии имон Худованд Исо мебошад. *Наҷотро* танҳо дар Ӯ ба даст овардан мумкин аст.

*Имон оварда,* онҳо ҳамин замон *бо Рӯҳулқудси ваъдашуда муҳр зада шуда* буданд. Ин онро ифода мекунад, ки ҳар як масеҳии ҳақиқӣ *Рӯҳи* Худоро мегирад, ба аломати он ки вай ба Худо тааллуқ дорад ва Худо вайро то худи лаҳзаи бадани пурҷалолро ба даст овардани масеҳӣ нигаҳдорӣ хоҳад кард. Дар корҳои илоҳӣ, чун дар ҷаҳони ҳуқуқшиносон, муҳр шаҳодат медиҳад, ки чиз дар моликияти касе аст ва он дар бехатарӣ мебошад. Рӯҳи дар мо мезиста ба мо муҳри «моликияти Худо»-ро мегузорад (1Қур. 6,19.20) ва таъмини амнияти моро то ба рӯзи озодӣ кафолат медиҳад (Эфс. 4,30).

Муҳри мо номи «Рӯҳулқудси ваъдашуда»-ро дорад. Пеш аз ҳама Ӯ Рӯҳулқудс аст, ва Ӯ Худ ба Худ чунин аст. Пас аз он Ӯ *Рӯҳи ваъдашуда* аст. Вай аз тарафи Падар (Юил 2,28; Аъм. 1,4) ва Худованд Исо (Юҳ. 16,7) ваъда шуда буд. Ба замми ин Ӯ кафили он аст, ки тамоми ваъдаҳои Худо ба масеҳиён иҷро хоҳанд шуд.

Ояти 13 яке аз чандин зикрҳои Ваҳдати Сегонаро дар ин Нома ба анҷом мерасонад: Худо Падар (о. 3), Худо Писар (о. 7), Худо Рӯҳ (о. 13).

**1,14** Павлус аз нав ҷонишинро иваз мекунад. «Мо»-ро (о. 11.12) бо «шумо» (о. 13) пайваст намуда, вай «[аз онҳо] мо»-ро (о. 14) ба даст меоварад. Ин усули моҳиронаи адабӣ ба он чи дар бобҳои 2 ва 3 пурра шарҳ дода хоҳад шуд, ишора мекунад иттифоқи яҳудиёни масеҳӣ ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ барои ташкили организми нав – Ҷамоат.

Рӯҳулқудс *гарави мероси мост.* Ин чун пардохти аввалин аст, ки гарави дар оянда пурра пардохта шудани тамоми маблағ мебошад. Аз пардохти пурра вай на бо сифат, балки бо миқдор фарқ мекунад.

Ҳамин ки мо наҷот ба даст меоварем, Рӯҳулқудс кушодани сарватҳои ба мо дар Масеҳ тааллуқдоштаро сар мекунад. Ӯ ба мо пешакӣ чашидани ҷалоли ояндаро медиҳад. Лекин мо чӣ тавр муътақид буда метавонем, ки боре тамоми меросро пурра ба даст меоварем? *Гарави* ин Худи Рӯҳулқудс аст.

Чун муҳр Ӯ кафолат медиҳад, ки мо, меросро интизор шуда, дар бехатарии пурра мебошем. Чун гарав Ӯ кафолат медиҳад, ки мероси интизори мо дар бехатарии пурра аст.

*То замоне ки мулки Худо бозхарида шавад,* Рӯҳ *гарави мероси мост барои ситоиши ҷалоли Ӯ. Гарав* ба *бозхариди* пурра дар оянда ишорат менамояд, ба монанди он ки меваҳои аввалин ба ҳосили оянда далолат менамоянд. Рӯҳ бозидани нақши гаравро қатъ менамояд, вақте ки *мулки Худо* бозхарида шуд. Лекин Павлус дар зери маънои *бозхаридани мулки Худо* чиро дар назар дорад?

1. Вай *мероси моро* дар назар дошта метавонад. Ҳама чизе ки дар Худо ҳаст, ба воситаи Худованд Исо ба мо тааллуқ дорад: мо ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем (Рум. 8,17; 1Қур. 3,21-23). Тамоми олам аз боиси гуноҳи ба он воридшуда нопок гардидааст ва ба покшавӣ ва оштӣ эҳтиёҷ дорад (Кул. 1,20; Ибр. 9,23). Ҳангоме ки Масеҳ барои ҳукмронӣ кардан ба ин замин меояд, тамоми махлуқот, ки оҳу нола мекунад, аз бандагии фано халосӣ ёфта, ба озодии ҷалоли фарзандони Худо шарик хоҳад шуд (Рум. 8,19-22).
2. Дар зери мафҳуми *мулки Худо* Павлус ҷисми масеҳиро дар назар дошта метавонад. Рӯҳ ва ҷони мо дар он лаҳзае ки мо имон овардем, бозхарид шуда буданд, бозхариди ҷисм бошад кори оянда аст. Азоб кашидан, пир шудан ва мурдани мо исбот менамояд, ки ҷисмҳои мо ҳоло бозхарид нашудаанд. Ҳангоме ки Масеҳ меояд (1Тас. 4,13-18), ҷисмҳои мо дигаргун мешаванд ва ба Ҷисми ҷалилии Ӯ мувофиқ мешаванд (Фил. 3,21). Он гоҳ онҳо пурра ва ҷовидона бозхарид карда хоҳанд шуд (Рум. 8,23).
3. Ниҳоят, *мулки Худо* ба Ҷамоат ҳам дахл дошта метавонад (1Пет. 2,9: «... қавме ки мулки азизи Худо дониста шудааст»). Дар ин сурат бозхариди он ба болошавии оянда ишорат менамояд, вақте ки Масеҳ Ҷамоатро ба ҳузури Худ дар ҷалол тақдим мекунад, бе доғе, бе нуқсоне, на чизе монанди он (Эфс. 5,27). Баъзеҳо чунин

мешуморанд, ки дар ин ҷо муқаддасони Аҳди Қадимро низ ба *мулки* Худо дохил кардан мумкин мебуд.

Новобаста ба нуқтаи назари мо, натиҷаи охирини бозҳарид ҳамон як чиз аст – *ситоиши ҷалоли Ӯ*. Он гоҳ нақшаи аҷоиби Худо барои халқи Худ пурра ба охир расонида мешавад ва аз ҳар тараф доимо ҳамду санои номи Ӯ садо хоҳад дод. Павлус дар ин боб се маротиба ба мо ёдрас мекунад, ки мақсади асосӣ ва натиҷаи ногузири тамоми амалҳои Худо ситоиши Ӯст.

Барои *ситоиши ҷалоли файзи Худ* (о. 6).

То мо барои *ситоиши ҷалоли Ӯ вуҷуд дошта бошем* (о. 12).

*Барои ситоиши ҷалоли Ӯ* (о. 14).

### В. Павлус барои муқаддасон шукргузорӣ менамояд ва барои онҳо дуо мегӯяд (1,15-23)

**1,15** Дар оятҳои 3 то 14 (дар нусхаи аслии юнонӣ як ҷумла!) расул инкишофи ҷолиби нақшаи Худоро аз азал то абад таҳқиқ намуд. Вай баъзе аз фикрҳои боиси эҳтироми бештаринро дахл кард, фикрҳои он қадар олӣ, ки Павлус дуо мекунад, то ба хонандагон дар ин масъалаҳо маърифати рӯҳонӣ ато гардад. Вай самимона мехоҳад, ки онҳо ба афзалиятҳои ҷалили худ дар Масеҳ ва ба он қуввати ақлнорас, ки барои чун Сарвари тамоми офариниш ба Ҷамоат додани Масеҳ лозим буд, баҳои сазовор диҳанд.

*«Бинобар* ин»-и муқаддимавӣ ҳалқаи пайвасткунандаест аз тасвири ҳамаи он чи Худо барои аъзоёни Бадани Масеҳ кардааст ва боз мекунад (о. 3-14).

*Ман, ҳангоме ки аз имони шумо ба Худованд Исо ва аз муҳаббати шумо ба ҳамаи муқаддасон хабардор шудам.* Ин маълумотро гирифта, Павлус боварӣ дошта метавонист, ки хонандагони вай дорои баракатҳои ҳоло тасвиршуда мебошанд; ва ҳамин ӯро водор намуд барои онҳо дуо гӯяд. *Имон ба Исои Масеҳ* ба ҳаёти онҳо муъҷизаи наҷотро ворид намуд. *Муҳаббат ба ҳамаи муқаддасон* воқеияти дигаргунсозандаи имон овардани онҳоро нишон дод.

Илоҳиётшиносоне ки шубҳа мекунанд, ки ин нома танҳо ба эфесусиён ирсол шуда буд, дар ин оят тасдиқи нуқтаи назари худро мебинанд. Павлус менависад, ки дар бораи имон овардани хонандагони худ шунид, ба мисли он ки ҳеҷ гоҳ бо онҳо шахсан шинос набуд. Лекин дар Эфесус вай, ҳеҷ набошад, се соли умрашро гузаронда буд (Аъм. 20,31). Бинобар ин баъзеҳо ба хулоса меоянд, ки ин мактуб ба якчанд ҷамоати маҳаллӣ ирсол шуда буд ва ҷамоати Эфесус танҳо яке аз онҳо буд.

Хушбахтона, ин мухолифатҳо ба он дарсҳои ибрате ки мо аз ин оят гирифта метавонем, ҳеҷ таъсире надоранд. Мо, масалан, мебинем, ки Масеҳ дар ин ҷо чун мақсади воқеии имон нишон дода шудааст: *имони шумо ба Худованд Исо.* Павлус намегӯяд, ки мо бояд ба нуқтаи назар, ба ҷамоат ё масеҳиён имон оварем. Имони наҷотдиҳанда – имон ба Масеҳи аз мурдагон бархоста ва ба осмон болошуда мебошад, ки дар тарафи дасти рости Худо нишастааст.

Дарси ибрати дигар дар ибораи *«муҳаббат ба ҳамаи муқаддасон»* маҳфуз аст. Муҳаббати мо набояд бо чаҳорчӯбаи масеҳиёни ҷамоати мо ё равияи худ маҳдуд гардад, балки ба ҳамаи онҳое ки бо хуни Масеҳ пок гардидаанд, ба ҳамаи бародарон дар имон бо ҷараёни пуроб ҷорӣ гардад.

Дарси ибрати сеюмро мо дар иттиҳоди *имон* ва *муҳаббат* дарёфт менамоем. Баъзе одамон мегӯянд, ки онҳо имон доранд, лекин муҳаббат дар ҳаёти онҳо пайдо нест. Дигарон хеле сермуҳаббатанд, лекин зарурати имон овардан ба Масеҳро намебинанд. Дар масеҳияти ҳақиқӣ таълимоти дуруст бо тарзи зисти дуруст мувофиқат мекунад.

**1,16** Имон ва муҳаббати масеҳиён Павлусро водор кард, ки Худовандро аз номи онҳо ситоиш кунад ва пайваста барои онҳо дуо гӯяд. Дар ин бора Скроггӣ хеле хуб гуфтааст:

*Шукргузорӣ – барои пойдеворе, ки аллакай гузошта шудааст, дуо – оид ба сохтмоне ки давом дорад. Шукргузорӣ – барои комёбиҳои гузашта, дуо бошад – оид ба муваффақиятҳо дар оянда. Шукргузорӣ – барои ҳамаи он чизе ки онҳо алҳол доранд, дуо – оид ба имкониятҳое ки Худо барои онҳо дар нақшаи Худ омода мекунад.*

**1,17** Пайдо кардани имконияти назар андохтан ба ҳаёти дуоии одами Худо имтиёзи бузург аст. Дар ин Нома ба мо ду маротиба чунин имконият дода мешавад – дар ин ҷо ва дар 3,14-21. Дар ин ҷо вай оид ба маърифати рӯҳонӣ дуо мегӯяд, дар он ҷо оид ба қувваи рӯҳонӣ.

Дар ин ҷо дуо ба *Худо* ирсол мегардад, дар он ҷо – ба Падар. Лекин дар ҳар ду ҳолат дуои Павлус доимӣ, аниқ буда, эҳтиёҷоти рӯзмарраи одамонро инъикос менамуд. Дар ин ҷо дуо ба *Худои Худованди мо Исои Масеҳ, Падари ҷалол* равона карда шудааст. Ифодаи *«Падари ҷалол»* фаҳмонда метавонад, ки Худо:

1. Сарчашма ва Офарандаи тамоми ҷалол аст.
2. Он Касест, ки тамоми ҷалол ба Ӯ тааллуқ дорад.
3. Падари Исои Масеҳ аст, ки Ӯ зоҳиршавии ҷалоли Худо мебошад.

Сипас Павлус хоҳиш мекунад, ки Худо ба онҳо *Рӯҳи ҳикмат ва ваҳйро барои шинохтани Ӯ ато намояд.* Рӯҳулқудс Рӯҳи *ҳикмат* (Иш. 11,2) ва *ваҳй* (1Қур. 2,10) аст. Азбаски Ӯ дар ҳар масеҳӣ сокин аст, пас оид ба атои Шахсияти ӯ дуо гуфтан эҳтиёҷ надорад; онҳо андозаи махсуси маърифатро аз Ӯ бояд қабул намоянд.

*Ваҳй* ба расондани донишҳо нисбат дорад, *хирад* – ба истифодаи дурусти онҳо дар зиндагӣ. Расул на оид ба умуман дониш менависад, балки оид ба *шинохтани* (юн. «эпигнозис») *Ӯ*. Ӯ мехоҳад, ки масеҳиён оид ба Худо фаҳмиши амиқ, рӯҳонӣ ва дар таҷриба асоснокшуда дошта бошанд – он донише ки на бо саъю кӯшиши хирад, балки ба шарофати хизмати меҳрубононаи Рӯҳулқудс ба даст оварда мешавад. Дэйл мефаҳмонад:

*Масеҳиёни Эфесус аллакай маърифати рӯҳонӣ доштанд, вагарна онҳо масеҳӣ намебуданд; лекин Павлус дуо мегӯяд, то Рӯҳи Худо, ки дар онҳо сокин аст, биниши онҳоро боз ҳам беҳтар, боз ҳам тезтар кунад, то ки қувва, муҳаббат ва бузургии Худо ба онҳо хеле пурратар ошкор шуда тавонад. Шояд, дар рӯзҳои мо, ҳангоме ки одам дар соҳаҳои на он қадар муҳим кашфиёти зиёд мекунад, чунон кашфиёти ҷолиб ва ҳайратангез, ки ҳатто шавқу завқи масеҳиёнро ба зуҳури Худо дар Масеҳ танг карда мебароранд, ҷамоат бояд дуои бисёр кунад, то ки Худо ба вай «Рӯҳи хирад ва фаҳмиш» ато намояд. Агар Ӯ ба ин дуо ҷавоб диҳад, пас мо дигар бо дурахши дониш оид ба чизҳои дидашаванда ва фонӣ гумроҳ намешавем, зеро онро ҷалоли чизҳои ноаён ва абадии беҳадду ҳудуд панаҳ мекунад.*[5]

**1,18** Мо дида будем, ки сарчашмаи маърифати рӯҳонӣ Худост, воситаи он – Рӯҳулқудс, мақсади асосӣ бошад – дарки пурраи Худо. Акнун мо ба узвҳои маърифат мегузарем – *«чашмони дили шуморо равшан созад»*.

Ин ифодаи хушобуранг ба мо меомӯзад, ки дарки дурусти ҳақиқатҳо оид ба Худо на ба хушфаҳмӣ, балки ба ҳассосии *дил* вобаста аст. Муҳаббат ин ҷо бо мантиқ дар як сатҳ меистад. Худо Худро ба онҳое ошкор месозад, ки Ӯро дӯст медоранд. Ин ба ҳар масеҳӣ имконияти аҷоиб медиҳад, охир ҳатто агар на ҳамаи мо зеҳни тез дошта бошем, ҳамаи мо *дилҳои* дӯстдор дошта метавонем.

Пас аз ин Павлус се соҳаи маърифати рӯҳониро номбар мекунад, ки вай оид ба онҳо барои муқаддасон хоҳиш менамояд:

1. *умеди даъвати Ӯ;*
2. *сарвати ҷалоли мероси Ӯ дар муқаддасон;*
3. *бузургии қуввати Ӯ дар мо, ки имон дорем.*

*Умеди даъвати Ӯ,* ба оянда далолат намуда, он ҳиссаи охиринро дар назар дорад, ки ҳангоми моро даъват намуданаш бароямон омода сохтааст. Ин он ҳақиқатро низ дар бар мегирад, ки мо ҷовидона бо Масеҳ хоҳем буд ва ба Ӯ монанд мегардем. Мо ба олам чун писарони Худо муаррифӣ карда мешавем ва чун Арӯси бедоғ ва бенуқсони Ӯ ҳамроҳи Ӯ ҳукмронӣ хоҳем кард. Ин умеди мост, аммо на ба он маъно, ки мо ба ин ягон шубҳае дорем, балки ин ҷанбаи наҷоти мо ба оянда дахл дорад ва мо то ҳол иҷрошавии онро интизорем.

*Сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон* боз як соҳаи бузурги бе ҳадду канор аст, ки муҳаққиқони масеҳиро интизор аст. Таваҷҷуҳ намоед, Павлус ба хотири эҷоди таассуроти беҳадду канорӣ ва бузургӣ калимаҳоро дар кадом пайдарпайӣ ҷо ба ҷо мегузорад:

*Мероси Ӯ;*
*мероси Ӯ барои муқаддасон;*
*ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон;*
*сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои муқаддасон.*

Ду маънидоди ин ибора ҳаст ва азбаски аҳамияти онҳо баробар муҳим аст, мо ҳар дуи онҳоро меорем. Мувофиқи маънидоди якум, мероси Ӯ муқаддасонанд, ва маҳз онҳоро Ӯ ганҷи бебаҳо меҳисобад. Оид ба масеҳиён дар Аҳди Нав гуфта мешавад, ки онҳо «мулки азизи Худо» дониста шудаанд (Тит. 2,14; 1Пет. 2,9). Умуман дар дили Худо чунин ҷой гирифта тавонистани гуноҳкорони нафратовар ва нолоиқи дар Масеҳ наҷотёфта, онҳоро *мероси Худ* номидани Ӯ, файзи ақлнорас аст.

Нуқтаи назари дуюм чунин аст: бо мафҳуми *мерос* ҳамаи он чи *мо* мерос мегирем, дар назар дошта шудааст, ва ин, хулласи калом, тамоми дунё аст, ки бар он Масеҳ ва ҳамроҳи Ӯ мо, Арӯси Ӯ, низ ҳукмронӣ хоҳем кард. Агар мо дар ҳақиқат ба сарвати ҷалоли он чи Ӯ барои масеҳиён омода сохтааст, баҳои сазовор диҳем, тамоми ҷозиба ва лаззати ин ҷаҳон барои мо ҳеҷ мегардад.

**1,19** Чизи сеюм, ки Павлус оид ба он мепурсад: то ки муқаддасон ба он *қуввате* ки Худо бахри амалӣ гаштани ҳамаи ин зоҳир сохтааст, баҳои сазовор диҳанд: *бузургии қуввати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст.*

Ф. Б. Мейер менависад: *«Ин қувват аст. Ин қуввати Ӯст. Ин қуввати бузург аст, ягон чизи камтар кофӣ намебуд. Ин қуввати беандоза бузург буда, барои ҳеҷ кадом қувваи тафаккур ҳам дастнорас аст».*[6]

Ин он қувватест, ки онро Худо барои бозхариди мо ба кор бурд, ва онро Ӯ барои таъмини амнияти мо ба кор мебарад. Боз онро Ӯ барои ҷалол ёфтани мо истифода хоҳад бурд.

Люис Сперрӣ Чафер менависад:

*Павлус мехоҳад ба имондор бо бузургии қуввате ки бахри ноилшавӣ ба тамоми чизҳои барои вай мувофиқи амали интихоб, пешакӣ муайян кардан ва фарзандхондкунии соҳибихтиёронаи Худо мураттабшуда ба кор дароварда шудааст, таъсири амиқеро расонад.*[7]

**1,20** Барои боз як бор зикр кардани беканории *қуввати Худо* расул зоҳиршавии бузургтарини қувваи илоҳиро тасвир менамояд. Маҳз ҳамин қувва Масеҳро *аз мурдагон бархезонд* ва *аз дасти рости* Худо шинонд. Шояд мо қарор медодем, ки зоҳиршавии равшантарини қудрати Худо офариниши ҷаҳон буд. Ё халқи Худро аз бахри Сурх гузаронда, наҷот додани Ӯ. Вале не! Аҳди Нав таълим медиҳад, ки қувваи аз ҳама зиёди Худо маҳз барои растохез ва ба осмон боло рафтани Масеҳ лозим шуд.

Чаро? Иблис ба иҷрошавии нақшаи Худо халал расонданӣ шуда, тамоми фавҷҳои худро ба ҷанг баровард, то Масеҳро дар қабр нигоҳ дорад ё ки ба осмон боло рафтани Ӯро, ки зинда шуда буд, роҳ надиҳад. Лекин Худо бар ҳар гуна муқовимат ғолиб баромад. Растохез ва ҷалолёбии Масеҳ ба олам манзараи ҳайратовари қуввати мағлубнашавандаро зоҳир намуда, ба иблис ва фавҷҳои дӯзах зарбаи ҳалокатовар расонд.

Ҳеҷ кас ин қувватро бо сухан тасвир карда наметавонад. Павлус барои нишон додани тавоноии қуввате ки бахри мо ба кор бурда шуд, якчанд мафҳумро аз луғати динамика иқтибос мекунад: аз рӯи амали тавоноии қудрати Ӯ, *ки дар Масеҳ амал кардааст, ҳангоме ки Ӯро аз мурдагон бархезонд.* Чунин менамояд, ки калимаҳо дар зери вазни ин ҳақиқат хам мешаванд. Аз эҳтимол дур аст, ки онҳоро алоҳида-алоҳида дида баромадани мо зарур бошад; аз бузургии ин қувва мафтун шудан ва Худоро барои муқтадирии Ӯ ҳамду сано хондан дар ҳақиқат кофист!

Мейер хитоб мекунад:

*Ин болобардоршавӣ ҳайратангез буд! Аз қабри марг ба тахти Худои абадӣ, ки танҳо Худаш намиранда аст. Аз торикии қабр ба равшании чашмбар. Аз ин ҷаҳони хурдакак ба маркази ҳаёти олам. Бигзор имони шумо аз ҳамаи доираҳо баромада, андозаи ин ҷарии беҳад бузургро баҳо диҳад. Ва он гоҳ дар назди ин қувва, ки Худованди моро аз ин ҷарӣ гузаронд, бо ваҷд сари таъзим фуруд оваред.*[8]

Агар гап дар бораи Навиштаи Муқаддас равад, пас растохези Масеҳ аввалин чунин ҳодиса дар таърихи башарият буд (1Қур. 15,23). Дигарон ҳам аз мурдагон бармехостанд, вале онҳо аз нав мемурданд. Худованд Исо аввалин Касе буд, ки бо қувваи ҳаёти ҷовидонӣ зинда шуд. Пас аз он ки Масеҳ зинда шуд ва боло рафт, Худо Ӯро *аз дасти рости* Худ дар осмон *шинонд.* Ҷой дар тарафи рости Худо аз имтиёзи бузург (Ибр. 1,13), қудрат (Мат. 26, 64), бартарӣ (Ибр. 1,3.4), хушиҳо (Заб. 15,11) ва ҳукуматдорӣ (1Пет. 3,22) дарак медиҳад.

Баъдан ин ҷой чун *дар ҷойҳои осмонӣ* буда тасвир карда мешавад, яъне ба ин ибора ҷои сукунати Худо дохил карда шудааст. Маҳз дар ин ҷо Худованд Исо имрӯз дар ҷисм аз гӯшт ва устухонҳо ба маънои аслии калима, дар ҷисми ҷалолёфта мебошад, ки он дигар мурда наметавонад. Дар он ҷое ки имрӯз Ӯ ҳаст, ба зудӣ мо ҳам хоҳем буд.

**1,21** Ҳолати Раҳонандаи ҷалолёфта пас аз он чун *болотар аз ҳар сарварӣ ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат ва ҳукмронӣ, ва ҳар номе ки на танҳо дар ин давра, балки дар давраи оянда низ хонда мешавад,* тасвир карда мешавад. Худованд Исо ҳозир ва абад болотар аз ҳама

ҳокимон ва ҳукуматдорони одамӣ ва фариштавӣ меистад.

Дар ҷойҳои осмонӣ фариштаҳои дорои рутбаҳои гуногун, ҳам бад, ҳам нек ҳастанд. Ҳамаи онҳо ҳокимияти муайян доранд. Баъзеи онҳоро, масалан, ба президенти кишвар, баъзеи дигарро бо ҳокими вилоят ё мири шаҳр монанд кардан мумкин аст. Лекин ҳар қадар *ҳукуматдорӣ, қудрат,* обрӯ ва *ҳукмронии* онҳо бузург бошанд ҳам, Масеҳ аз ҳамаи онҳо *болотар* меистад.

Ин *на танҳо* ба он *даврае* ки мо зиндагонӣ мекунем, *балки* ба *давраи оянда,* яъне ба ҳокимияти Ҳазорсолаи Масеҳ дар замин дахл дорад. Он гоҳ Ӯ бар ҳамаи подшоҳон Подшоҳ, бар ҳамаи хоҷагон Хоҷа мешавад. Ӯ бар ҳамаи махлуқоти офаридашуда, мутлақо бар ҳама, бе ягон истисно боло бардошта мешавад.

**1,22** Зиёда аз ин, Худо *ҳама чизро зери пойҳои Ӯ тобеъ намуд.* Яъне Ӯ на танҳо бар одамон ва фариштаҳо, балки бар ҳамаи офаринишҳои боқимонда, зинда ва ғайризинда ҳукмронӣ хоҳад кард. Муаллифи Нома ба Ибриён ба мо ёдовар мешавад, ки алҳол «ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад» (Ибр. 2,8). Ин дар ҳақиқат чунин аст. Ҳарчанд ҳокимият бар олам дар дасти Масеҳ аст, Ӯ то ҳол ҷорӣ кардани ҳуқуқи Худро сар накардааст. Одамон, масалан, то ҳол зидди Ӯ бармехезанд, ба Ӯ муқобилат мекунанд ва Ӯро инкор мекунанд. Лекин Худо қарор дод, ки Писари Ӯ дар ҷаҳон ҳукмрони том мешавад ва мо чунон ки агар инро аллакай ҳозир бо чашмони худамон дида бошем, ба ин боварӣ дошта метавонем.

Он чи пас аз ин меояд, дар ҳақиқат аз ақл берун аст. Маҳз Ӯро, Онеро, ки ба дастони бо меххо захмдоргаштааш ҳокимияти беҳудуд бар олам дода шудааст, Ӯро, ҷалолёфтаро, Худо *ба Ҷамоат* дод! Павлус ин ҷо ба мо ҷанбаи комилан ҳайратангези сирри иродаи Худоро ошкор месозад; вай хонандагонро қадам ба қадам ба ин изҳороти қатъӣ наздик мебурд. Вай растохез, болошавӣ ва ҳукмронии Масеҳро хеле возеҳ тасвир менамояд. Ва вақте ки дилҳои мо ҳангоми фикр оид ба ин Худованди ҷалолёфта аз эҳтироми зиёд гӯё аз задан бозмеистанд, расул мегӯяд: «Масеҳ маҳз чун *сари ҳама чиз ба Ҷамоат* дода шуда буд».

Дар вақти хониши рӯякӣ метавонад чунин тобад, ки дар ин оят оид ба Масеҳ чун оид ба Сарвари *Ҷамоат* сухан меравад. Ҳарчанд ин рост аст, аслан оят маънои хеле амиқтар дорад. Павлус мегӯяд, ки Ҷамоат бо Он Касе ки ба Ӯ ҳокимият бар тамоми ҷаҳон дода шудааст, зич алоқаманд аст.

Аз ояти 21 мо фаҳмидем, ки Масеҳ дар ин олам ва дар олами оянда аз ҳамаи офаринишҳои заминӣ ва осмонӣ хеле болотар меистад. Дар нимаи аввали ояти 22 гуфта мешавад, ки *ҳама чизи* зинда ва ғайризинда *зери пойҳои Ӯ тобеъ* аст. Акнун бошад мо мефаҳмем, ки *Ҷамоат* ба таври беназир даъват шудааст, то дар ҳукмронии беҳадду канори Ӯ бо Ӯ зич алоқаманд бошад. *Ҷамоат* якҷоя бо Ӯ ҳукмронӣ хоҳад кард. Тамоми офариниши боқимонда зери ҳокимияти Ӯ хоҳад буд.

**1,23** Аз ояти охирини боби 1 мо мефаҳмем, ки ин робитаи дутарафаи Масеҳ ва Ҷамоат то чӣ андоза наздик аст. Ба мо ду тимсол дода шудааст: 1) Ҷамоат *Бадани Ӯст;* 2) он *пуррагии Ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад.*

Дар ҷаҳон робитае зичтар аз робитаи сар бо *бадан* нест. Дар иттифоқи ҳаётан муҳим онҳо як чизи том гардидаанд, дар онҳо як Рӯҳ сокин аст. Ҷамоат гурӯҳи одамонест, ки аз ҷаҳон байни рӯзи Пантикост ва боло бурда шудан даъват шудаанд, одамоне ки бо файзи аҷоиб наҷот ёфтаанд ва имтиёзи беназири *Бадани* Масеҳ буданро ба даст овардаанд. Ҳеҷ як гурӯҳи дигари имондорон дар ҳеҷ як замон чунин шарафро сазовор набуд ва нахоҳад буд.

Ҷамоат боз чун *пуррагии Ӯ, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад,* тасвир карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки Ҷамоат пурра намудани Масеҳи дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузурдошта аст. Пурра намудан он чизест, ки ба анҷом мерасонад ё такмил медиҳад. Бо ин дар назар дошта шудааст, ки ду қисми пайвастшуда як чизи томро ташкил медиҳанд. Чунон ки бадан бо худ сарро пурра мекунад, ҳамон тавр Ҷамоат ҳам бо худ Масеҳро пурра менамояд.

Вале барои он ки дар ҳеҷ кас таассуроте ба амал наояд, гӯё Масеҳ камолоти пурра ё пуррагиро соҳиб нест, Павлус саросемавор илова мекунад: *пуррагии Ӯ, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад.* Худованд Исо на танҳо мuҳтоҷи ҳеҷ чизе нест, ки норасоиро дар пуррагӣ пур карда тавонад, балки Худи Ӯ, ҷаҳонро пур карда ва эҳтиёҷи онро пур карда, *ҳама чизро дар ҳама пур мекунад.*

Рости гап, ба фаҳмидани ин иктидори мо намерасад. Мо фақат аз хиради беҳадду канор ва нақшаи Худо ба вуҷд омада, ба дарки онҳо қобил набудани худро эътироф карда метавонем.

### Г. Қудрати Худо дар наҷот додани яҳудиён ва ғайрияҳудиён зоҳир шуд (2,1-10)

**2,1** Ба бобҳо ҷудо кардан набояд алоқаи зичи байни қисми охири боби 1 ва оятҳои баъдинаро хира гардонад. Он ҷо мо шоҳиди он будем, ки қувваи Худо Масеҳро аз қабр бархезонд ва тоҷи ҷалол ва шарафро бар сари Ӯ гузошт. Акнун бошад мо мебинем, ки чӣ тавр ҳамон қувва моро аз марги рӯҳонӣ зинда намуда ва якҷоя бо Масеҳ дар осмон ҷой пешниҳод намуда, дар ҳаёти шахсии мо амал мекунад.

Ин порча боби якуми китоби Ҳастиро ба хотир меоварад. Ҳам дар он ҷо, ҳам дар ин ҷо мо ин чизҳоро мебинем: 1) лавҳаи харобӣ, ҳарҷумарҷ ва вайронӣ (Ҳас. 1,2а; Эфс. 2,1-3); 2) мудохилаи қувваи Худо (Ҳас. 1,2б; Эфс. 2,4); 3) офариниши ҳаёти нав (Ҳас. 1,3-31; Эфс. 2,5-22).

Дар аввали боби 2-юми нома мо мурдагони рӯҳонӣ дар водии марг ҳастем. Вақте ки ин боб ба анҷом мерасад, мо на танҳо дар осмон дар Масеҳ мебошем, балки худамон ҳам ба шарофати Рӯҳулқудс бошишгоҳи Худо мебошем. Байни ин ду ҳолат муъҷизаи тавоно мебошад, ки боиси ин табдилёбии аҷоиб гардид.

Даҳ ояти аввал тасвир менамоянд, ки чӣ тавр қувваи Худо ғайрияҳудиён ва яҳудиёнро наҷот медиҳад. Ҳеҷ як Золушка (Хокистарак) чунин табдилёбии бошукӯҳро аз гадо ба шоҳдухтар аз сар нагузаронда буд.

Дар оятҳои 1 ва 2 Павлус ба хонандагони ғайрияҳудии худ ёдовар мешавад, ки то имон овардан онҳо *мурда,* ноқис, пурғазаб ва саркаш буданд. Ба сабаби *хатоҳо ва гуноҳҳои* худ онҳо рӯҳан *мурда* буданд. Ин онро ифода мекунад, ки онҳо барои Худо намезистанд. Онҳо бо Ӯ робита надоштанд. Онҳо чунон мезистанд, гӯё Ӯ вуҷуд надошт. Сабаби марг *хатоҳо ва гуноҳҳо* буданд. *Гуноҳ ҳар* гуна рафтори беадолатонаи даркнашуда ё бошуурона аст, ва низ фикрҳо, калимаҳо ва амалҳое ки ба камолоти Худо ҷавоб намедиҳанд. *Хатоҳо* гуноҳҳое мебошанд, ки қонунҳои мавҷударо кушоду равшан вайрон мекунанд. Ба маънои васеътар онҳо инчунин қадамҳои гуногуни нодуруст ё фиребро дар бар гирифта метавонанд.

**2,2** Эфесусиён на танҳо мурда, балки нуқсондор ҳам буданд. Онҳо *мувофиқи давраи ин дунё зиндагӣ мекарданд.* Онҳо мувофиқи рӯҳи ин олам зиндагонӣ мекарданд. Онҳо ба гуноҳҳои барои замони онҳо хос дода мешуданд. Дар ин ҷаҳон «қолабе» ҳаст, ва вафодорони худро ҷаҳон дар он «рехтагарӣ» мекунад. Ин қолаби дурӯғ, бадахлоқӣ, нобоварӣ, худбинӣ, дуруштӣ ва саркашист. Хулласи калом, ин қолаби гуноҳкорист. Эфесусиён чунин буданд.

Лекин ин алҳол на ҳамааш аст: рафтори онҳо шайтонӣ буд. Онҳо ба дев, *мире ки дар ҳаво ҳукмрон аст,* тақлид мекарданд. Бар онҳо сарвари рӯҳҳои бадкор, ки дар ҳаво ҳукмрон аст, фармонравоӣ менамуд. Онҳо бо майл ба мири ин ҷаҳон итоат мекарданд. Ин мефаҳмонад, ки чаро беимонон баъзан дар нуқсонҳо аз ҳайвонот пасттар мефароянд.

Ниҳоят, мувофиқи рӯҳе ки *ҳоло дар писарони исён амал мекунад,* зиндагӣ карда, онҳо саркаш буданд. Ҳамаи одамони наҷотнаёфта *писарони исён* ҳастанд ба он маъное ки барои онҳо *исён* ба Худо хос аст. Амалҳои онҳо аз иблис илҳом мегиранд, бинобар ин онҳо ба беитоатӣ ва таҳқири кушоду равшани Худованд моиланд.

**2,3** Ҷонишини шахсии «шумо»-ро ба «мо» иваз кардани Павлус далолат мекунад, ки дар навбати аввал вай оид ба масеҳиёни яҳудӣ сухан меронад (гарчанде суханони вай ба ҳар кас то имон оварданаш дахл доранд). Се калима ҳолати онҳоро тасвир менамоянд: шаҳвонӣ, разилона ва маҳкумшуда.

*Дар миёни онҳо ҳамаи мо низ як вақте аз рӯи ҳавасҳои ҷисми худ зиндагӣ мекардем.* То аз олами боло зода шудани худ Павлус ва дӯстонаш-масеҳиён маҳз дар байни писарони исён зиндагонӣ мекарданд. Зиндагонии онҳо *ҷисмонӣ* буд, онҳоро танҳо қонеъ кунониданн хоҳишҳои ҷисм ва шавқу рағбатҳо машғул месохт. Худи Павлус умуман зоҳиран зиндагонии накӯкорона мебурд, аммо вай акнун мефаҳмид, ки то чӣ андоза худбин буд. Ва он чи вай аз худ дар дил ифода мекард, аз ҳар гуна рафтори вай хеле бадтар буд.

Яҳудиёни бозгаштнакарда низ *фосид* буда, *хоҳишҳои ҷисм ва хаёлотро ба ҷо меоварданд.* Яъне онҳо бо ҳар гуна хоҳиши табиӣ

банд буданд. *Хоҳишҳои ҷисм ва хаёлот* аз талаботҳои комилан қонунӣ то шаклҳои гуногуни рафтори бадахлоқона ва фасодкорӣ гуногун буда метавонанд; дар ин ҷо, шояд, гуноҳҳои хеле ҷиддӣ дар назар дошта шудаанд. Ва дониста бошед, Павлус на танҳо оид ба амалҳои пургуноҳ, балки оид ба *хаёлоти* пургуноҳ низ сухан меронад.

Ф. Б. Мейер огоҳ мекунад:

*Тағофул ба ҳавасҳои хаёлот баробари ҳавасҳои ҷисм ҳалокатовар аст. Атои муъҷизаосои тасаввуротро истифода бурда, мо, пеш аз амал ҳамеша бозистода, ба сайри хаёлоти нопок дода шуда ва инони ҳавасҳоро сар дода метавонем. Вақте ки он бо сатирҳо ба рақс медарояд ё дар лабиринти ҷазираҳои ҳавас саёҳат мекунад, ҳеҷ як шахс аз пайи ҷон назорат намекунад. Вай барои атрофиён, ҳатто аз ҳама наздикон, номаълум меравад ва бармегардад. Номи вайро, ки чун барф пок аст, ҳеҷ кас зери шубҳа намегузорад. Ба вай ҳанӯз иҷозат дода шудааст, ки дар байни бокирагон интизори омадани Домод шавад. Вале агар шахс аз чунин одат тавба накунад ва онро маҳкум нанамояд, ин ӯро чун писари исён ва фарзанди ғазаб нишона мекунад.*[9]

Чунин аст тавсифи хотимавӣ, ки онро Павлус ба яҳудиёни наҷотнаёфта додааст: онҳо *табиатан чун дигарон фарзандони ғазабанд*. Ин он маъноро дорад, ки онҳо ба ғазаб, адоват, дуруштӣ ва тундмиҷозӣ майли табиӣ доштанд. Онҳо ин сифатҳоро бо ҳамаи инсонияти боқимонда бо ҳам медиданд. Бешубҳа, инчунин дуруст аст, ки онҳо *ба ғазаби* Худо гирифторанд. Барои онҳо марг ва доварӣ омода карда шудаанд. Дониста бошед, ки дар оятҳои 2 ва 3 се душмани одам номбар карда шудаанд: ҷаҳон (о. 2), иблис (о. 2) ва ҷисм (о. 3).

**2,4** Суханони *«аммо Худо»* муҳимтарин, таъсирбахштарин ва илҳомбахштарин гузаришҳоро дар тамоми адабиёт ифода мекунанд. Онҳо ба он далолат менамоянд, ки тағйироти дорои аҳамияти бузург рӯй дод. Ин аз даҳшат ва ноумедии водии марг ба лаззатҳои тасвирнопазири подшоҳии муҳаббати Писари Худо гузаштан аст.

Ин тағйиротро Худи *Худо* ба амал овард. Ҳеҷ каси дигар инро карда наметавонист ва ҳеҷ каси дигар инро кардан намехост.

Яке аз хусусиятҳои ин Шахсияти муборак аз он иборат аст, ки Ӯ *аз марҳамат давлатманд аст*. Худо *марҳамати* Худро ба мо бо он намоиш медиҳад, ки бо мо чунон ки сазовори он мебошем, рафтор намекунад (Заб. 102,10). *«Ҳарчанд меҳрубонӣ аз тарафи Ӯ дар давоми шаш ҳазор сол сарф карда мешуд ва он ба шумораи беҳисоби одамон паҳн мегардид, вай ҳанӯз ҳам сарчашмаи беинтиҳои ганҷҳо мемонад»*, – мегӯяд Эдӣ.[10]

Сабаби дахолати Ӯ дар суханони зерин шарҳ дода мешавад: *ба хотири муҳаббати бузури Худ, ки ба мо дорад*. Муҳаббати Ӯ бузург аст, зеро ки сарчашмаи он Ӯст. Чунон ки азамати атокунанда атои ӯро бо ҷалол мунаввар мекунад, ҳамин тавр бартарии махсуси Худо низ ба муҳаббати Ӯ бузургтарин дурахшро илова мекунад. Дӯстдоштаи Ҳокими пуриқтидори дунё будан нисбат ба дӯстдоштаи одами одӣ будан хеле беҳтар аст. Муҳаббати Худо аз он сабаб бузург аст, ки Ӯ нархи гаронеро пардохт. Муҳаббат Худованд Исо, Писари яккаву ягонаи Худоро барои мо ба марги пуразоб дар Ҷолҷолто фиристод. Муҳаббати Худованд бузург аст ва онҳоеро, ки Ӯ дӯст медоранд, бо ганҷҳои аз ақл берун сарфароз мекунад.

**2,5** Муҳаббати Худованд аз он сабаб низ бузург аст, ки одамоне ки ба онҳо вай равона карда шудааст, ба дараҷаи олӣ ба он сазовор нестанд ва муҳаббат ба вуҷуд оварда наметавонанд. Мо *аз рӯи хатоҳо мурда* будем. Мо душмани Худо будем. Мо бенаво ва вайроншуда будем. Аммо, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Ӯ моро дӯст дошт.

Муҳаббати Худованд ва корномаи бозхаридкунандаи Масеҳ 1) *моро бо Масеҳ зинда карданд,* 2) бо Ӯ бархезонданд, 3) ба мо дар Ӯ ҷой доданд.

Ин суханон мавқеи рӯҳии моро, ки дар натиҷаи иттиҳоди мо бо Ӯ таркиб ёфтааст, тасвир менамояд. Ӯ чун Намояндаи мо амал мекард на танҳо *барои* мо, балки *ба ҷои* мо. Бинобар ин вақте ки Ӯ мурд, мо ҳам мурдем. Вақте ки Ӯ дафн карда шуд, мо ҳам дафн карда шудем.

Вақте ки *Ӯ зинда карда* шуд, хезонда шуд ва дар осмон ба тахт шинонида шуд, худи ҳамон чиз *бо мо* ҳам рӯй дод. Ба шарофати робита бо Ӯ мо аз ҳамаи неъматҳое ки аз корномаи қурбонии Ӯ бармеоянд, лаззат мебарем. *Бо Ӯ зинда шудан* онро ифода мекунад, ки яҳудиёни бозгашткарда ва ғайрияҳудиёни бозгашткарда акнун бо Ӯ дар ҳаёти нав пайваст шудаанд.

Худи ҳамон қуввае ки ба Ӯ растохез ва ҳаёт ато намуд, онҳоро ба мо ҳам дод.

Ин муъҷиза Павлусро ба қатъ кардани рафти фикрҳо маҷбур месозад, то хитоб намояд: *«Бо файз наҷот ёфтаед!»* Ӯ аз марҳамати беандозаи Худо ба онҳое ки дар ҳақиқат бар акси онро сазоворанд, дар ҳайрат аст. Ин *файз* аст!

Мо аллакай ёдовар шудем, ки марҳамат чӣ маъно дорад: мо ба ҷазое ки сазоворем, дучор намешавем. *Файз* онро ифода мекунад, ки мо дар ҳақиқат наҷотеро, ки сазовор нестем, ба даст меоварем. Мо онро чун ато мегирем, на чун мукофот. Ва ин ато аз Он Касе мебарояд, ки на аз рӯи маҷбурият чунин рафтор намуд.

А. Т. Пиерсон мегӯяд:

*Ин зоҳиршавии ихтиёрии муҳаббат аст, ки ба он Ӯро ҳеҷ чиз маҷбур намекард. Ҷалоли файз аз он иборат аст, ки он зоҳиршавии ба дараҷаи олӣ озоду ихтиёрии муҳаббати Худо ба гунаҳкорони мискин мебошад.*[11]

**2,6** Худо моро бо Масеҳ на танҳо зинда кард, балки низ бо Ӯ *бархезонд*. Азбаски марг ва доварӣ барои Ӯ дар гузашта аст, онҳо барои мо ҳам дар гузашта мебошанд. Мо дар он тарафи қабр, дар тарафи растохез, меистем. Чунин аст мавқеи мо, ки натиҷаи пайвастшавии мо бо Ӯст. Ва азбаски мавқеи мо чунин аст, мо бояд чунон зиндагӣ кунем, ки гӯё аз мурдагон зинда шудаем.

Тарафи дигари мавқеи мо дар он аст, ки ба мо *дар ҷойҳои осмонӣ дар Масеҳ* мақом дода шудааст. Ба шарофати иттиҳод бо Ӯ мо аз ин ҷаҳони пургуноҳ наҷотёфта ва *дар Масеҳ* ҷалолёфта ҳисоб мешавем. Худо моро чунин мебинад. Агар мо инро бо имон қабул кунем, ҳаёти мо дигаргун мешавад. Мо дигар одамони ба замин фаровардашудаи машғул бо чизҳои муқаррарӣ ва бебақо нахоҳем буд. Мо афрозро хоҳем ҷуст, ки он ҷо Масеҳ аз дасти рости Худо нишастааст (Кул. 3,1).

Калид ба оятҳои 5 ва 6 ифодаи *«дар Исои Масеҳ»* мебошад. Маҳз дар Ӯ Парвардигор зинда кард, бархезонд ва моро дар ҷойҳои осмонӣ шинонд. Ӯ Намояндаи мост, яъне, ғалаба ва мавқеи Ӯ аз они мост. Ҷорҷ Вилямс хитоб мекунад: «Фикри ҷолиб! Фикр оид ба он ки Марями Маҷдалия ва роҳзани ба салиб кашидашуда ҷалоли Писари Худоро бо ҳам мебинанд».

**2,7** Ин муъҷизаи файзи тағйирдиҳанда мавзуи ваҳйи ҷовидонӣ хоҳад буд. Дар давоми асрҳои зиёд Худо ба лашкари афлок зоҳир хоҳад сохт, ки фиристодани Писари Худ ба бошишгоҳи гуноҳ ба Ӯ чӣ қимат дошт ва бардоштани бори гуноҳҳои мо дар салиб ба Худованд Исо чӣ арзиш дошт. Ин мавзуест, ки ҳеҷ гоҳ анҷом нахоҳад дошт. Ва аз нав Павлус калимаро бар калима саф меорояд, то ки азамати онро ақаллан қисман баён намояд.

*Меҳрубонӣ ба мо;*
*файзи Худ дар меҳрубонӣ ба мо;*
*сарвати файзи Худ дар меҳрубонӣ ба мо;*
*сарвати беҳадди файзи Худ дар меҳрубонӣ ба мо.*

Аз ин бармеояд, ки агар Худо сарвати файзи Худро дар давоми абадият зоҳир созад, пас мо ҷовидона меомӯзем. Осмон мактаби мо хоҳад буд. Худо Муаллим хоҳад буд. *Файзи Ӯ* мавзуъ хоҳад буд. Мо шогирдон хоҳем буд. Соли хониш бошад то абад давом хоҳад кард.

Ин бояд моро аз тасаввуроти бардурӯғ озод намояд, ки гӯё мо баъди ба осмон расидан ҳама чизро хоҳем донист. Танҳо Худо ҳама чизро медонад, мо бошем ҳеҷ гоҳ бо Ӯ баробар намешавем.[12]

Дар ин ҳол саволи аҷоиб ба вуҷуд меояд: вақте ки мо ба осмон меравем, чӣ қадар хоҳем донист? Тасаввур кардан мумкин аст, ки мо имкон дорем аллакай ҳозир Навиштаи Муқаддасро омӯхта, ба донишгоҳи осмонӣ омода шавем.

**2,8** Се ояти баъдина нақшаи одии наҷотанд ва чунон равшан баён карда шудаанд, ки танҳо Навиштаи Муқаддас чунин баён карда метавонад.

Ибтидои ҳама *файзи* Худост: Худи Ӯ, бо хости Худ файз ато мекунад. Наҷот дар асоси Шахсият ва корномаи Худованд Исои Масеҳ ба онҳое ки мутлақо сазовори он нестанд, ато карда мешавад.

Он дарҳол дода мешавад. Наҷотёфтагон оид ба он ки наҷот ёфтаанд, униста метавонанд. Дар Нома ба Эфесусиён Павлус мегӯяд: *шумо наҷот ёфтаед*. Ӯ инро медонист ва онҳо низ инро медонистанд.

Роҳи ба даст овардани атои ҳаёти ҷовидонӣ *имон* аст. *Имон* маънои онро дорад, ки одам худро гумроҳшуда, гуноҳкори ҷинояткор дарк намуда, ба Худованд Исои Масеҳ чун ба умеди ягона ба наҷот мурожиат мекунад.

Имони ҳақиқӣ ва наҷотдиҳанда – худро пурра ба каси дигар супоридан ё боварӣ кардан аст.

Худи ақида оид ба он ки одам бахшишро бо амалҳо ба даст оварда ё сазовор шуда метавонад, бо суханони *«ва ин на аз шумост»* барои ҳамеша беэътибор карда мешавад. Мурдагон ҳеҷ кор карда наметавонанд, гуноҳкорон бошанд танҳо ҷазоро сазоворанд.

Ин *атои Худост.* Бешубҳа, ато туҳфаи беғаразона аст ва бо ҳеҷ гуна шарту шароити пешакӣ вобаста карда нашудааст. Ин ягона асосест, ки дар он Худо наҷот пешниҳод менамояд. *Атои Худо* наҷот *бо файз* ва *ба воситаи имон* аст. Он ба ҳама одамон дар ҳама ҷо пешниҳод карда мешавад.

**2,9** Наҷот *аз амалҳо нест,* яъне одам онро бо амалҳое ки фаразан сазовори мукофот мебошанд, ба даст оварда наметавонад. Ба он бо амалҳои зерин сазовор шудан мумкин нест:

1. Бо хатна ё ягон маросими дигари қабулшавӣ.
2. Бо таъмид.
3. Бо узви ҷамоат будан.
4. Бо омадан ба маҷлисҳо дар ҷамоат.
5. Бо иштирок дар Шоми Худованд.
6. Бо кӯшиши зистан мувофиқи Даҳ фармуда.
7. Бо зиндагӣ аз рӯи Мавъизаи болои кӯҳ.
8. Бо эҳсонкорӣ ва садақа.
9. Бо муҳаббат ба наздикон.
10. Бо зиндагии некахлоқона, бовиҷдонона.

Одамон бо *амалҳо* наҷот намеёбанд. Онҳо инчунин бо имон ва *амалҳо* наҷот намеёбанд. Онҳо фақат ба воситаи имон наҷот меёбанд. Ҳамин ки шумо чун воситаи ба даст овардани ҳаёти ҷовидонӣ ҳар гуна амалҳоро ба ҳар андозае ки бошад илова менамоед, наҷот дигар файз нашуда мемонад (Рум. 11,6). Яке аз сабабҳои қатъиян истисно шудани *амалҳо* пешгирии фахр кардани одамон аст. Агар ягон кас *бо амалҳои* худ наҷот ёфта метавонист, вай барои *фахр* кардан дар назди Худо асос медошт. Лекин ин ғайриимкон аст (Рум. 3,27).

Агар ягон кас ба шарофати амалҳои неки худ наҷот ёфта метавонист, пас зарурат ба марги Масеҳ намебуд (Ғал. 2,21). Лекин мо медонем, ки Ӯ барои он мурд, ки роҳи дигари наҷот додани гуноҳкорони айбдор набуд.

Агар ягон кас бо амалҳои неки худ наҷот ёфта метавонист, пас вай наҷотдиҳандаи худ мебуд ва худашро парастида метавонист. Лекин ин бутпарастӣ мебуд, Худо бошад инро манъ мекунад (Хур. 20,3).

Ҳатто агар бо имон ба Масеҳ *ва* амалҳои неки худ наҷот ёфтан мумкин мебуд, вазъияти номумкин ба вуҷуд меомад: ду наҷотдиҳанда мебуд – Исо ва гуноҳкор. Ба Масеҳ дар ин ҳолат лозим меомад, ки дигар касро ба ҷалоли Наҷотдиҳанда шарик гардонад, аммо Ӯ ин корро намекунад (Иш. 42,8).

Ва ниҳоят, агар ягон кас ба наҷоти худ бо амалҳо мусоидат карда метавонист, пас Худо бояд ба вай ин наҷотро ато мекард. Ва ин ҳамчунин ғайриимкон аст. Худо дар назди ҳеҷ кас қарздор буда наметавонад (Рум. 11,35).

Баръакси амалҳо, имон худситоиро истисно мекунад (Рум. 3,27), зеро дар он ҳеҷ чизи сазовори мукофот нест. Дар одам ҳеҷ гуна асосе нест, ки аз боиси имон ба Худованд фахр кунад. Ба Ӯ имон овардан кори аз ҳама бохирадона ва табиист. Ба Офаридгор ва Бозхаридкунандаи худ боварӣ кардан ҳамагӣ қадами боақлона ва мантиқист. Агар мо ба Ӯ бовар карда натавонем, пас ба кӣ бовар карда метавонем?

**2,10** Натиҷаи наҷот он аст, ки *мо сохтаи дасти Ӯ* ҳастем, офаридаи дасти Худо, на аз они худ. Масеҳии аз олами боло зодашуда шоҳасари Худост. Агар оид ба махсулоти хоме фикр кунем, ки Ӯро лозим омад бо он кор кунад, комёбии Ӯ алалхусус аҷоиб хоҳад тофт. Дар ҳақиқат, ин шоҳасар офаридаи навест ба воситаи якшавӣ бо Масеҳ, зеро «касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст ва инак ҳама чиз нав шудааст» (2Қур. 5,17).

Мақсади ин офаридаи нав дар суханони *«барои корҳои нек»* мухтасар ифода ёфтааст. Ҳарчанд он чиз дуруст аст, ки наҷоти мо на аз *корҳои нек* аст, он фикр низ дуруст аст, ки мо *барои* амалҳои нек наҷот дода шудаем. *Корҳои нек* на *реша,* балки *самар* аст. Мо онҳоро на барои он ба амал меоварем, ки наҷот ёбем, балки барои ки мо наҷот ёфтаем.

Ин худи ҳамон ҷанбаи ҳақиқат аст, ки дар Яъқуб 2,14-26 ёдрас карда мешавад. Вақте Яъқуб мегӯяд, ки «имон бе амалҳо мурда аст», вай онро дар назар надорад, ки мо бо имон бар замми амалҳо наҷот меёбем, балки мо бо чунин имоне наҷот меёбем, ки боиси зиндагии пур аз *корҳои нек* мегардад. *Корҳо* ҳақиқӣ будани имони моро исбот менамоянд. Павлус аз

тахти дил бо ин розӣ мешавад: *мо сохтаи дасти Ӯ ҳастем ва дар Масеҳ Исо барои корҳои нек офарида шудаем.*

Пас тартибе ки Худо муқаррар кардааст, чунин аст:

Имон – наҷот – амалҳои нек – мукофот. Имон боиси наҷот мегардад. Натиҷаи наҷот *корҳои нек* аст. Корҳои нек аз тарафи Худо мукофотонида мешаванд.

Саволе ба миён меояд: ман бояд чӣ гуна *корҳои нек* кунам? Павлус ҷавоб медиҳад: *корҳое ки Худо пешакӣ омода намудааст, то дар онҳо қадамгузор бошем.* Ба ибораи дигар, Худо барои ҳаёти ҳар кадоми мо нақша дорад. Пеш аз имон овардани мо Ӯ нашъунамои рӯҳонии моро ба нақша мегирад. Вазифаи мо дарк намудани хости Ӯ ва ба он итоат кардан аст. Мо бояд зиндагии худро худамон ба нақша нагирем, балки он нақшаеро қабул намоем, ки Ӯ барои мо тартиб додааст. Ин моро аз изтиробҳо ва бадхашмӣ озод менамояд ва кафолат медиҳад, ки зиндагии мо ба Ӯ ҷалоли калонтарин, ба наздикон манфиати зиёдтарин ва ба худи мо мукофоти азимтарин меоварад.

Барои фаҳмидани он ки чӣ гуна *корҳои некро* Ӯ барои зиндагии ҳар кадоме аз мо ба нақша гирифтааст, мо бояд: 1) мавҷудияти гуноҳро дар ҳаёти худ дарк намуда, дарҳол тавба кунем ва аз он даст кашем; 2) ҳамеша ва бечуну чаро ба Худо фармонбардор бошем; 3) Каломи Худоро барои фаҳмидани хости Ӯ омӯзем ва баъд чунон ки Ӯ ба мо фармон медиҳад, рафтор намоем; 4) ҳар рӯз вақти муайянеро дар дуо гузаронем; 5) ҳар кадом имконияти хизматгузориро истифода барем; 6) ба мушоракат бо масеҳиёни дигар ва маслиҳатҳои онҳо беэътиноӣ накунем.

Худо моро ба *корҳои нек* омода месозад ва Ӯ барои мо *корҳои нек* тайёр мекунад. Баъд Ӯ ба мо мукофот медиҳад, вақте ки мо онҳоро ба амал меоварем. Чунин аст файзи Ӯ!

### Ғ. Ягонагии имондорони яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ дар Масеҳ (2,11-22)

Дар қисми якуми боби 2 Павлус наҷоти ғайрияҳудиён ва яҳудиёнро чун шахсиятҳои ҷудогона таҳқиқ кард. Акнун вай аз байн рафтани фарқҳои миллӣ дар байни онҳо, ягонагии онҳо дар Масеҳ ва дар Ҷамоат, дар парастишгоҳи муқаддаси Худованд, муттаҳид шудани онҳоро муҳокима мекунад.

**2,11** Дар оятҳои 11 ва 12 расул ба хонандагони худ ёдрас мекунад, ки онҳо пеш аз имон овардан аслан *халқҳо* ва бинобар ин, аз нуқтаи назари яҳудиён, радшуда буданд. Пеш аз ҳама, онҳоро бад медиданд. Ба ин он далел ишорат мекунад, ки яҳудиён онҳоро *бехатнагон* меномиданд. Ин он маъноро дошт, ки дар бадани ғайрияҳудиён нишонаи амалиёти ҷарроҳие ки аломати халқи Худо будани халқи Исроил аст, набуд. Калимаи *«бехатна»* нишонаи этникӣ буд, монанди он суханоне ки одамон бо онҳо миллатҳои бад медидаашонро меноманд. Суханони Довудро оид ба Ҷолёти ғайрияҳудӣ хонда, мо қисман эҳсос карда метавонем, ки ин лақаб чӣ қадар нешдор буд: «... ин фалиштии бехатна кист, ки лашкарҳои Худои зиндаро таҳқир намояд?» (1Сам. 17,26).

Яҳудиён бошанд, баръакс, худро *хатнашудагон* меномиданд. Бо ин ном онҳо фахр мекарданд. Вай аломати он буд, ки онҳо халқи аз тарафи Худо интихобшуда, аз ҳамаи халқҳои дигар ҷудокардашуда мебошанд. Чунон ки метобад, Павлус бар зидди худситоии онҳо эътироз карда, мегӯяд, ки хатнаи онҳо *бо дасти инсон дар ҷисм ба амал оварда мешавад.* Он фақат ҷисмонӣ буд. Ҳарчанд дар бадани онҳо аломати он буд, ки онҳо халқи аҳди Худо ҳастанд, дар дили онҳо имони ҳақиқӣ ба Худованд набуд. «Зеро яҳудӣ на он кас аст, ки зоҳиран чунин бошад, ва хатна на он чиз аст, ки бар ҷисм намоён бошад; балки яҳудӣ он кас аст, ки дар ботин чунин бошад ва хатна он чиз аст, ки дар дил мувофиқи рӯҳ, на мувофиқи ҳарф, ҷо дошта бошад; ва ҳамди чунин одам на аз ҷониби одамон, балки аз ҷониби Худост» (Рум. 2,28.29).

Яҳудиён дар дил хатнашуда буданд ё не, моҳияти ояти 11 аз он иборат аст, ки дар назари худ онҳо халқи интихобшуда буданд, ғайрияҳудиён бошанд – манфур. Ин душмании байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён то ҳол мухолифати бузургтарини нажодӣ ва рӯҳонӣ буд ва мемонад. Яҳудӣ дар назди Худо мавқеи имтиёзнокро ишғол мекард (Рум. 9,4.5). Ғайрияҳудӣ бегона буд. Агар вай ба Худои ҳақиқӣ ба таври бояду шояд ихлос доштан мехост, вай бояд ба дини яҳудӣ имон меовард (муқоиса намоед: Роҳоб ва Рут). Парастишгоҳи яҳудӣ дар Уршалим дар замин ягона ҷое буд, ки

бар он номи Худо гузошта шуда буд ва одамон дар он ҷо ба Ӯ наздик шуда метавонистанд. Ба саҳни дарунии парастишгоҳ ворид шудани ғайрияҳудиён зери таҳдиди марг манъ буд.

Худованд Исо дар суҳбати Худ бо зани ғайрияҳудӣ аз Финиқияи Сурия, яҳудиёнро кӯдакони хона, ва ғайрияҳудиёнро сагчаҳои хурди зери миз тасвир намуда, имони ӯро месанҷид. Вай худро сагчаи хурд эътироф намуд, лекин якчанд нонрезаҳоеро, ки кӯдакон афтонида метавонистанд, дархост намуд. Албатта, имони вай мукофотонида шуд (Марқ. 7,24-30). Дар ин ҷо, дар Эфесусиён 2,11, расул ба хонандагони худ ёдрас мекунад, ки онҳо пеш аз ин ғайрияҳудӣ ва яъне, манфур буданд.

**2,12** Ғайрияҳудиён ҳамчунин *бе Масеҳ* буданд: онҳо Масеҳ надоштанд. Маҳз ба халқи Исроил ваъда оид ба Ӯ дода шуда буд. Ҳарчанд пешгӯӣ шуда буд, ки ба шарофати хизмати Масеҳ ба тамоми халқҳо баракат фуруд меояд (Иш. 11,10; 60,3), бо вуҷуди ин Ӯ мебоист яҳудӣ зода мешуд ва пеш аз ҳама «ба гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил» (Мат. 15,24) хизмат мекард. Ғайр аз ин, ки онҳо Масеҳ надоштанд, ғайрияҳудиён *аз шаҳрвандии Исроил ҷудо* буданд. Ҷудо кардашуда, бегона одамест, ки барояш дар ҷамъият ҷой нест. Ӯ беруна, аҷнабӣ буда, ҳуқуқ ва имтиёзҳои шаҳрвандро доро нест. Ғайрияҳудиён берун аз ҷамоати Исроил буданд ва фақат онро мушоҳида карда метавонистанд. Ва онҳо *ба аҳдҳои ваъда бегона* буданд. Худо бо халқи *Исроил* ба воситаи Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб, Мусо, Довуд ва Сулаймон *аҳд* баст. Дар ин *аҳдҳо* ваъдаҳои баракат ба яҳудиён буданд. Аз ҳар ҷиҳат ғайрияҳудиён гӯё дар он тарафи девор буданд. Ҳам чун халқ, ҳам чун шахсиятҳо онҳо *аз умед* маҳрум буданд. Дар сатҳи миллӣ онҳо боварии қатъӣ надоштанд, ки замини онҳо, давлати онҳо ё халқи онҳо устувор хоҳанд монд. Ва ояндаи ҳар одами алоҳида инчунин тира буд: онҳо *умед* ба он дунё надоштанд. Касе гуфтааст, ки ояндаи онҳо шаби беситора буд. Ниҳоят, онҳо *дар ҷаҳон бе Худо буданд.* Ин онро ифода намекунад, ки онҳо атеист буданд. Онҳо худоҳои аз чӯб ва санг сохташудаи худро доштанд ва ба онҳо сари таъзим фуруд меоварданд. Вале онҳо Худои ягонаи ҳақиқиро намедонистанд. Онҳо дар ҷаҳони душман ва бехудо бе Худо буданд.

**2,13** Суханони *«аммо акнун»* гузариши тези дигарро ифода мекунанд (муқоиса кунед 2,4). Ба ғайрияҳудиёни Эфесус наҷот омад, ки онҳоро аз мавқеи дурӣ ва ҷудоӣ аз Худо ба он мақоме бардошт, ки онҳо ба Ӯ наздик шуданд. Ин дар лаҳзаи имон овардани онҳо рӯй дод. Вақте ки онҳо ба Наҷотдиҳанда имон оварданд, Худо ба онҳо дар *Исои Масеҳ* ҷой дод ва онҳоро дар Писари дӯстдоштаи Худ қабул намуд. Аз ин лаҳза ва минбаъд онҳо ба Худо чун Масеҳ *наздик* шуданд, зеро онҳо *дар Исои Масеҳ* буданд. Нархи ин дигаргуншавии муъҷизанок *хуни Масеҳ* буд. Пеш аз он ки ин ғайрияҳудиёни гуноҳкор аз наздикӣ бо Худо лаззат бурда тавонанд, онҳо аз гуноҳҳои худ бояд пок мешуданд. Танҳо *хуни Масеҳ,* ки дар Ҷолҷолто рехта шуд, инро карда метавонист. Вақте ки онҳо ба Исои Масеҳ имон оварда, Ӯро қабул карданд, ба онҳо қувваи поккунандаи хуни гаронбаҳои Ӯ паҳн гардид.

Исо на танҳо онҳоро ба Худованд наздик кард; Ӯ ҳамчунин иттиҳоди нав ба вуҷуд овард, ки дар он душмании қадима байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён ҳамешагӣ барҳам хӯрд. То давраи Аҳди Нав тамоми ҷаҳон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буд ба яҳудӣ ва ғайрияҳудӣ. Наҷотдиҳандаи мо ба ҷаҳон гурӯҳи сеюмро дод – Ҷамоати Худоро (1Қур. 10,32). Дар оятҳои минбаъда мо мебинем, ки яҳудиёни масеҳӣ ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ дар Масеҳ ягона мешаванд ва ҷамъияти нав барпо мекунанд, ки дар он на юнонӣ ҳаст, на яҳудӣ.

**2,14** *Зеро ки Ӯ осоиши мост.* Диққат диҳед: дар ин ҷо гуфта намешавад «Ӯ осоиш дод». Ин низ, албатта, дуруст аст, ва мо инро аз ояти баъдина хоҳем дид. Ин ҷо бошад зикр мешавад, ки *Ӯ* Худ осоиши мост. Вале шахсият чӣ гуна метавонад осоиш *бошад?*

Ана чӣ тавр: ҳангоме ки яҳудӣ ба Худованд Исо имон меоварад, вай мансубияти миллии худро гум мекунад; аз ин лаҳза вай «дар Масеҳ аст». Ҳамин тавр ҳангоме ки ғайрияҳудӣ ба Наҷотдиҳанда имон меоварад, вай ғайрияҳудӣ буданро бас мекунад; аз ин вақт вай низ «дар Масеҳ» аст. Ба ибораи дигар, яҳудии масеҳӣ ва ғайрияҳудии масеҳӣ, ки замоне аз боиси душманӣ ҷудо буданд, акнун *ҳар ду* дар Масеҳ *як ҳастанд.* Ягонагии онҳо дар Масеҳ ногузир онҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Пас, Одам *осоиш* аст, чунон ки Мико пешгӯӣ карда буд (Мико 5,5).

Он чи Ӯ чун *осоиши мо* кард, дар оятҳои 14-18 муфассал дида баромада шудааст.

Пеш аз ҳама ин иттиҳодест, ки мо онро худи ҳозир тасвир намудем. Ӯ *аз ҳар ду,* яъне аз яҳудиён ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ, *як чиз* кард. Онҳо аллакай на яҳудӣ ва на ғайрияҳудӣ, балки масеҳиянд. Ҷиддӣ карда гӯем, ҳатто онҳоро масеҳиёни яҳудӣ ва масеҳиёни ғайрияҳудӣ номидан нодуруст аст. Тамоми фарқҳои дунявӣ, чун миллат, дар салиб мехкӯбшуда монданд.

Марҳалаи дуюми меҳнати Масеҳ харобкунӣ номида шуда метавонад. *Ӯ девори ҷудоиро хароб кард.* Албатта, ин ба маънои аслии калима девор нест, балки он монеаи диданашавандаест, ки Мусо бо шариати паймон устувор гардонда буд, ва он дар фароизест, ки халқи Исроилро аз халқҳои дигар ҷудо мекунад. Чун мисоли ин аксаран деворе хизмат мекунад, ки роҳи ғайрияҳудиёнро ба парастишгоҳ бо саҳни ғайрияҳудиён маҳдуд мекард. Дар девор Навиштаи Муқаддас буд: «Ҳеҷ касе аз халқи дигар ба дохили девори атрофи Макони Муқаддас ворид нашавад. Касе ки инро мекунад, худаш худашро ба ҳалокат гирифтор менамояд».

**2,15** Ва амали сеюми Масеҳ Ӯ оташи мил-мил сӯхтаистодаи душмании байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён ва инчунин байни одам ва Худоро барҳам дод. Павлус сабаби беихтиёри ин душманиро шариат, яъне *шариати фармудаҳо* меҳисобад, *ки аз фаризаҳо иборат буд.* Шариати Мусо маҷмуи ягонаи қонунҳо буд; бо вуҷуди ин вай аз фармонҳои алоҳидаи мухтасар баёншуда иборат буд; онҳо бошанд, дар навбати худ, аз амрҳо ва қоидаҳое иборат буданд, ки ба соҳаҳои зиёди зиндагӣ дахл мекарданд. Худ аз худ шариат муқаддас, росткорона ва нек буд (Рум. 7,12), лекин одами табиатан гуноҳкор шариатро чун баҳона барои нафрат истифода бурд. Азбаски шариат дар ҳақиқат Исроилро чун халқи интихобшудаи Худо боло мебардошт, бисёр яҳудиён мутакаббир буданд ва ба ғайрияҳудиён бо нафрат муносибат мекарданд. Ғайрияҳудиён ба онҳо бо душмании амиқе ки ба мо чун антисемитизм хеле хуб маълум аст, ҷавоб медоданд. Лекин Масеҳ шариатро чун сабаби *душманӣ* чӣ гуна бартараф кард? Пеш аз ҳама Ӯ мурд, то музди вайрон кардани шариатро пардохт намояд. Ҳамин тавр Ӯ талаботи одилонаи Худоро пурра қонеъ гардонд. Акнун шариат ба онҳое ки дар Масеҳанд, дигар ҳеҷ чизи гуфтанӣ надорад. Ҷарима барои онҳо пурра пардохта шудааст. Ба масеҳиён на шариат, балки файз паҳн мешавад. Вале ин маънои онро надорад, ки онҳо, чунон ки дилашон хоҳад, ҳамон тавр зиста метавонанд; акнун онҳо ба Масеҳ тобеъ ҳастанд ва чунон бояд зиндагӣ кунанд, ки ба Ӯ маъқул аст.

Дар натиҷаи нест кардани душмание ки шариат ба вуҷуд оварда буд, Худованд оид ба офариниши нав хабар дода тавонист. Ӯ дар Худ *аз ҳар ду,* яъне аз яҳудӣ ва ғайрияҳудии масеҳӣ, *як одами навро* – Ҷамоатро офарид. Мухолифони пешина ба шарофати ягонагӣ бо Ӯ дар ин иттиҳоди *нав* бо ҳам муттаҳид мешаванд. Ҷамоат ба он маъно *офаридаи нав* мебошад, ки чунин организми ба ин монанд пеш вуҷуд надошт. Инро фаҳмидан хеле муҳим аст. Ҷамоати Аҳди Нав давоми Исроили Аҳди Қадим нест. Он аз ҳама чизе ки пеш аз он буд ва ягон вақт баъд аз он меояд, комилан фарқ мекунад. Ҳақиқати додашуда бояд ин тавр ошкор гардад:

1. *Нав* он аст, ки бояд ҳуқуқҳо ва имтиёзҳои ғайрияҳудӣ бо яҳудӣ баробар бошанд.
2. *Нав* он аст, ки ҳам яҳудиён ҳам ғайрияҳудиён масеҳӣ гардида, мансубияти миллии худро бояд аз даст диҳанд.
3. *Нав* он аст, ки яҳудиён ва ғайрияҳудиён якҷоя узвҳои Бадани Масеҳ ҳастанд.
4. *Нав* он аст, ки яҳудӣ умеди на шаҳрвандии Подшоҳии Ӯ буданро, балки бо Масеҳ якҷоя ҳукмронӣ карданро ба даст меорад.
5. *Нав* он аст, ки дигар ба яҳудӣ шариат паҳн намешавад.

Аён аст, ки Ҷамоат офаридаи *навест* бо таъйиноти худ, бо тақдири махсуси худ, ки дар мақсади Худо ҷои беҳамторо ишғол мекунад. Лекин амали Масеҳ бо ин маҳдуд намегардад. Ӯ ҳамчунин байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён *осоиш* барқарор намуд. Ӯ сабаби душманиро бартараф намуда, ба одам табиати нав бахшида ва иттифоқи нав барпо намуда, инро кард. Салиб ҷавоби Масеҳ ба фарқгузории нажодӣ, миллатпарастӣ, антисемитизм, таассуб ва ҳар гуна шакли дигари душманист.

**2,16** Ғайр аз он ки Масеҳ яҳудиён ва ғайрияҳудиёнро бо ҳам оштӣ дод, Ӯ *ҳар дуро бо Худо оштӣ дод.* Ҳарчанд Исроил ва халқҳои дигар одатан тезу тунд ба ҳамдигар муқобил гузошта мешуданд, дар як чиз онҳо муттаҳид

буданд – дар душмании худ ба Худо. Сабаби душманӣ гуноҳ буд. Худованд Исо сабаби онро нест карда, бо марги Худ дар салиб *душманиро* кушт. Онҳое ки ба Ӯ имон овардаанд, росткор, бахшидашуда, наҷотёфта, бозхаридшуда, аз ҷазо ва аз ҳокимияти гуноҳ озодшуда ба ҳисоб мераванд. *Душманӣ* дигар нест. Акнун онҳо *бо Худо* дар осоиш зиндагӣ мекунанд. Худованд Исо яҳудӣ ва ғайрияҳудии масеҳиро *дар як Бадан,* Ҷамоат, муттаҳид месозад ва ин Баданро, ки дар он пайи зиддияти оштинопазири пешина нест, ба Худо пешниҳод менамояд.

Худо ба оштӣ бо мо ҳеҷ гоҳ эҳтиёҷ надошт. Ӯ аз мо ҳеҷ гоҳ нафрат надошт. Вале мо ба оштӣ бо Ӯ эҳтиёҷ доштем. Кори Худованди мо дар салиб асоси росткоронаро барои он гузошт, ки мо назди Ӯ чун дӯстон, на чун душманон, ҳозир шуда метавонем.

**2,17** Дар ояти 14 Масеҳ осоиши мо *аст.* Дар ояти 15 Ӯ осоиш *барқарор намуд.* Акнун мо мехонем, ки Ӯ *омад ва осоишро башорат дод.* Кай ва чӣ гуна Ӯ омада буд? Якум, шахсан дар растохез. Дуюм, Ӯ ғайримустақим, ба воситаи Рӯҳулқудс зоҳир мегашт. Ӯ дар вақти растохези Худ *осоишро башорат дод;* ва дар ҳақиқат, сухани *«осоиш»* яке аз аввалин суханонест, ки Ӯ аз мурдагон бархоста гуфт (Луқ. 24,36; Юҳ. 20,19.21.26). Баъд бо қувваи Рӯҳулқудс Ӯ расулонро фиристод ва бо забони онҳо *осоишро башорат дод* (Аъм. 10,36). Хушхабар оид ба *осоиш ба шумо, ки дур будед* (ғайрияҳудиён) *ва ба онҳое ки наздик буданд* (яҳудиён) расид, ки иҷрошавии аҷоиби ваъдаи дар Ишаъё 57,19 додаи Худо мебошад.

**2,18** Исботи амалии он ки ҳозир байни аъзоёни Бадани ягона ва Худо осоиш ҳукмрон аст, он далел мебошад, ки онҳо ҳар вақт *иҷозат доранд* ба Худо наздик шаванд. Ин рӯйрост ба тартиби парастиш дар Аҳди Қадим мухолиф аст, ки он ҷо танҳо саркоҳин ба Қудси қудсҳо, ҷои ҳузури Худо, ворид шуда метавонист. Лекин вай ҳам ба он ҷо фақат як бор дар як сол ворид шуда метавонист.

Эдӣ ба ин тазод диққатро ҷалб мекунад:

*Аз имрӯз эътиборан ғайрияҳудии аз ҳама дур, ки дар Масеҳ аст, воқеан ва якзайл имтиёзи рӯҳонии фаровонро истифода мебарад, ки онро пештар фақат як шахс аз сибти як халқ рамзан, як рӯз дар як сол, соҳиб буд.*[13]

Ба воситаи дуо ҳар масеҳӣ метавонад ба саломхонаи подшоҳ дар осмон ворид шавад, дар назди Ҳокими дунё зону занад ва ба Ӯ чун ба *Падар* муроҷиат намояд.

Дар ин ҷо тартиби муқарраримие ки дар дуо риоя кардан лозим аст, баён шудааст. Пеш аз ҳама вай *ба воситаи Ӯ* (Худованд Исо) меояд. Ӯ ягона Миёнарав байни Худо ва одам аст. Марг, дафн ва растохези Ӯ тамоми монеаҳои дар Аҳди Қадим гузошташударо, ки моро ба назди Худованд роҳ намедоданд, нест карданд. Акнун чун Миёнарав Ӯ, ба мо имкони мушоракат бо Падарро таъмин намуда, дар ҷойҳои осмонӣ зиндагӣ мекунад. Мо ба номи Ӯ ба Парвардигор наздик мешавем. Худ ба худ мо арзиш надорем, бинобар ин ба қимати Ӯ такя мекунем. Дар дуо *ҳар ду* иштирок доранд – масеҳиёни яҳудӣ ва ғайрияҳудиёне ки ба масеҳият рӯ овардаанд. Имтиёз аз он иборат аст, ки мо *иҷозат дорем* ба Худо наздик шавем. Ёрдамчии мо дар дуо Рӯҳулқудс аст: *дар як Рӯҳ.* «Ҳамчунин Рӯҳ низ дар нотавониҳои мо ёрӣ медиҳад; зеро намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо нолаҳои баённошуданӣ шафоат мекунад» (Рум. 8,26).

Оне ки ба Ӯ мо наздик мешавем, *Падар аст. Ҳеҷ* яке аз интихобшудагони Худо дар Аҳди Қадим Худовандро чун Падар надонист. То растохези Масеҳ одамон ба назди Худо чун махлуқот дар назди Офаридгор ҳозир мегардиданд. Танҳо баъд аз растохези Худ Масеҳ гуфт: «... назди бародарони Ман рафта, ба онҳо бигӯ: Ман назди Падари Худ ва Падари шумо, назди Худои Худ ва Худои шумо боло меравам» (Юҳ. 20,17). Он вақт бори аввал ба шарофати корномаи наҷоти Ӯ масеҳиён ба Худо чун ба *Падар* муроҷиат карда тавонистанд. Дар ояти 18 ҳамаи се Шахсияти Ваҳдати Сегона ба дуои хоксортарин масеҳӣ дохил карда шудаанд: вай *ба воситаи* Худованд Исои Масеҳ бо қувваи *Рӯҳулқудс* ба Ӯ наздик шуда, ба Худо *Падар* дуо мегӯяд.

**2,19** Дар чор ояти охирини ин боб расул Павлус баъзе бартариҳои ҳаяҷоновари ғайрияҳудиёни масеҳиро як-як номбар мекунад. Онҳо *акнун на ғайр ҳастанд ва на бегона.* Дигар ҳеҷ гоҳ онҳо бегона, саг, бехатна нахоҳанд буд. Акнун онҳо ба ҳама *муқаддасони* давраи Аҳди Нав *ҳамватан* мебошанд. Масеҳиёни яҳудӣ дар назди онҳо ҳеҷ гуна бартарӣ надоранд. Ҳамаи масеҳиён шаҳрвандони баробарҳуқуқи осмонанд (Фил. 3,20.21). Онҳо

ҳамчунин *аҳли хонаи Худо* ҳастанд. Онҳо на танҳо «маҳаллишавии олитарин»-ро дар Подшоҳии Худо гузаштаанд, балки ба хонаи Худо чун фарзандон қабул ҳам шудаанд.

**2,20** Ниҳоят, онҳо аъзои Ҷамоат гардиданд, ё, ба гуфтаи Павлус, дар сохтмони ибодатгоҳи муқаддас санг гардиданд. Расул ин парастишгоҳро муфассал тасвир менамояд: *асоси* он, *санги гӯшаи* он, он чи сангҳоро бо ҳамдигар мепайвандад, мувофиқат ва мутаносибии парастишгоҳ, нашъунамои он ва дигар нишонаҳои беназир.

Ин парастишгоҳ бар асоси расулон ва пайғамбарон сохта мешавад. Дар ин ҷо *расулон ва пайғамбарони* давраи Аҳди Нав дар назар дошта шудаанд; ин ба пайғамбарони Аҳди Қадим ҳеҷ дахл дошта наметавонист, зеро онҳо оид ба Ҷамоат ҳеҷ чиз намедонистанд. Ин он маъноро надорад, ки *расулон ва пайғамбарон* асоси Ҷамоат буданд. *Асоси* он Масеҳ аст (1Қур. 3,11). Он чиз дар асос буд, ки ин одамон оид ба Шахсият ва амалҳои Худованд Исо мавъиза мекарданд. Асоси Ҷамоат Масеҳ аст, чунон ки Ӯ дар эътирофи имон ва таълимоти *расулон ва пайғамбарон* зоҳир мегардад. Ҳангоме ки Петрус Ӯро Масеҳ, Писари Худои зинда эътироф кард, Исо эълон кард, ки Ҷамоати Ӯ бар ин санг сохта хоҳад шуд, яъне бар он ҳақиқати устувор, ки Ӯ масҳшудаи Худо ва Писари яккаву ягонаи Худост (Мат. 16,18). Дар Ваҳй 21,14 расулон бо дувоздаҳ асоси Уршалими муқаддас фикран монанд карда мешаванд. Онҳо асос нестанд, лекин бо он алоқамананданд, зеро ки аввалин шуда ҳақиқати бузургро оид ба Масеҳ ва Ҷамоат мавъиза намуданд. *Асоси* бино танҳо як маротиба гузошта мешавад. Расулон *ва пайғамбарон* инро як бор ва абадан ба ҷо оварданд. *Асосе* ки онҳо гузоштанд, барои мо дар китобҳои Аҳди Нав маҳфуз монд, ҳарчанд худи ин одамон дигар бо мо нестанд. Дар ҳамаи асрҳо одамоне ҳастанд, ки хизмати онҳо ба як маъное расулона ва пайғамбарона аст. Ба маънои хеле пасти ин калима миссионерон ва асосгузорони ҷамоатҳо расул мебошанд, мавъизагарони Калом бошанд – пайғамбарон. Лекин онҳоро ба маънои ибтидоии ин калимаҳо расулон ва пайғамбарон ҳисобидан мумкин нест.

*Исои Масеҳ* на танҳо *асоси* парастишгоҳ аст; Ӯ инчунин *санги гӯшаи* он мебошад. Ҳеҷ як тимсол ё рамз Ӯро бо тамоми шукӯҳ ва дар хизматҳои гуногуни Ӯ комилан мувофиқ тасвир карда наметавонад. Ҳеҷ набошад се шарҳи имконпазири истилоҳи *«санги гӯша»* вуҷуд дорад ва ҳамаи онҳо нишон медиҳанд, ки Худованд Исои Масеҳ Сарвари ягона, махсус ва ивазнашавандаи Ҷамоат аст.

1. Мо одатан сангеро, ки дар кунҷи поёнии пеши бино ҷойгир аст, *санги гӯша* меномем. Азбаски он тамоми таркиби биноро нигоҳ медорад, ин ифода «як чизи дорои аҳамияти бунёдӣ»-ро ифода мекунад. Ба ин маъно ин рамз барои Худованд ҳақиқист. Ва азбаски ин санг ду деворро мепайвандад, тахмин кардан мумкин аст, ки он иттиҳоди масеҳиёни яҳудӣ ва ғайрияҳудиро дар Ҷамоат ба воситаи Ӯ ифода мекунад.
2. Баъзе олимони илоҳиётшинос чунин меҳисобанд, ки калимаи чун *«санги гӯша»* тарҷумашуда санги васлкунандаи равоқро ифода мекунад. Ин санг дар нуқтаи баландтарини равоқ ҷойгир аст ва сангҳои боқимондаро дошта меистад. Ҳамин тариқ, Масеҳ Он Касест, ки дар Ҷамоат аз ҳамаи дигарон бартарӣ дорад. Ӯ зарур аст: Ӯро дур кунед – ва ҳама чизи боқимонда хароб мешавад.
3. Шарҳи имконпазири сеюми истилоҳ санги болоии аҳром аст. Ин санг ҷои баландтарини тамоми иморатро ишғол мекунад. Ин ягона санги дорои чунин андоза ва шакл мебошад. Кунҷҳо ва хатҳои он шакли тамоми аҳромро муайян менамоянд. Ҳамин тариқ, Масеҳ Сарвари Ҷамоат аст. Шахсият ва хизмати Ӯ беназир аст. Ва Ӯ Он Касест, ки ба Ҷамоат хусусиятҳои беҳамто мебахшад. Аввалан, *асоси* он:

**2,21** Калимаҳои *«бар Ӯ»* ба Масеҳ дахл доранд: Ӯ сарчашмаи ҳаёт ва инкишофи Ҷамоат аст.

Блейкӣ мегӯяд:

*Дар Ӯ мо ба Ҷамоат муттаҳид мешавем; дар Ӯ мо дар он инкишоф меёбем; дар Ӯ тамоми парастишгоҳ инкишоф меёбад, то даме ки ба камолот комёб шавад лаҳзае ки санги охирин, санги аз ҳама болоӣ бо хитоби «марҳамат, марҳамат бар ӯ» гузошта мешавад.*[14]

Ба ягонагӣ ва мувофиқати *ибодатхона* суханони *«тамоми бино пайваст шуда»* далолат мекунанд. Ин як чизи томи иборат аз шахсиятҳои зиёди ҷудогона аст. Ҳар кас ҷои

махсуси худро дар *бино* дорад, ки барои он мард ё зан ба тарзи олӣ мувофиқ меоянд. Сангҳои дар водии марг бо марҳамати Худо ба даст овардашуда ба ҳамдигар аниқ мувофиқ гардонда шудаанд. Хусусияти беназири ин иморат он аст, ки он *нашъунамо мекунад*. Аммо ин нашъунамо ба сохтани бино аз хишт ва семент монанд нест. Яқинан онро рушди организми зинда, чун ҷисми одам, ҳисобидан лозим аст. Дар ниҳояти кор, Ҷамоат на иморати беҷон ва на ташкилот аст. Ин организми зинда аст, ки Сарвари он Масеҳ мебошад, Баданро бошад ҳамаи масеҳиён ташкил медиҳанд. Он дар рӯзи Пантикост зода шуда буд ва аз он вақт доимо то ба осмон бурда шудани Ҷамоат месабзид, сабзида истодааст ва хоҳад сабзид.

Ин иморати зиндаи *нашъунамо*кунанда чун *ибодатхонаи муқаддасе дар Худованд* тасвир карда мешавад. Каломе ки Павлус барои баёни маънои *«ибодатхона»* истифода бурд, на саҳни беруна, балки Қудси қудсҳоро (юн. «наос») нишон медод. Вай иморати асосии комплекси парастишгоҳро, ки дар он Қудси қудсҳо ҷойгир буд, дар назар дошт. Дар он ҷо бошишгоҳи Худо буд ва дар он ҷо Ӯ Худро дар абри тобон, дурахшандаи ҷалол зоҳир месохт.

Мо аз ин якчанд сабақ гирифта метавонем: 1) Худо доимо дар Ҷамоат сокин аст. Яҳудиён ва ғайрияҳудиёни наҷотёфта парастишгоҳи зиндаро ташкил медиҳанд, ки дар он Ӯ сокин аст ва ҷалоли Худро зоҳир месозад. 2) Ин *ибодатхона муқаддас* аст. Он аз ҷаҳон ҷудо карда шудааст ва ба Худо барои мақсадҳои муқаддас бахшида шудааст. 3) Чун *ибодатхонаи муқаддас,* Ҷамоат марказ аст, ки аз он ҳамду сано ва парастиш ба Худо ба воситаи Худованд Исои Масеҳ боло мебароянд.

Баъдан Павлус ин *ибодатхонаи муқаддасро* чун *дар Худованд* буда тасвир мекунад. Ба ибораи дигар, Худованд Исо сарчашмаи муқаддасии он мебошад. *Муқаддасони* масеҳӣ аз рӯи мавқеи худ ба шарофати иттиҳод бо Ӯ муқаддасанд, ва бояд аз боиси муҳаббат ба Ӯ дар амал *муқаддас* бошанд.

**2,22** Дар ин парастишгоҳи аҷоиб мақоми ғайрияҳудиёни масеҳӣ баробари яҳудиён аст. Ин ҳақиқат моро бояд ба ҳайрат оварад, ҳамчунон ки вай эфесусиён ва дигар одамонро ҳангоми бори аввал шунидан шояд ба ҳайрат меовард. Афзалияти аҷоиби мавқеи масеҳиён аз он иборат аст, ки онҳо *дар Рӯҳ маскани Худоро* барпо мекунанд. Вазифаи парастишгоҳ дар ҳамин аст – таъмин намудани маконе ки *Худо* он ҷо дар робита бо халқи Худ зиста метавонад. Чунин ҷой Ҷамоат аст. Инро бо мавқеи ғайрияҳудиён дар давраи Аҳди Қадим муқоиса намоед. Дар он замон онҳо ба *маскани Худо* ҳатто наздик шуда наметавонистанд. Акнун бошад худи онҳо қисми калони онро ташкил медиҳанд!

Ба хизмати ҳар яке аз Шахсиятҳои Худо дар алоқамандӣ бо Ҷамоат аҳамият диҳед. 1) *Дар Ӯ,* яъне дар Масеҳ. Маҳз ба шарофати бо Ӯ як шудан мо як қисми парастишгоҳ мешавем. 2) *Маскани Худо*. Ин парастишгоҳ хонаи Худо Падар дар замин аст. 3) *Дар Рӯҳ*. Маҳз ба воситаи Шахсияти *Рӯҳулқудс Худо* дар Ҷамоат мебошад (1Қур. 3,16).

Ба ҳамин тариқ, бобе ки бо тасвири ғайрияҳудиёни ҳалокшуда, нуқсондор, гирифтори рӯҳҳои нопок ва саркаш сар шуд, бо тасвири худи ҳамон ғайрияҳудиёне ки аз ҳар гуна гунoҳ ва нуқсон поканд ва *маскани Худоро дар Рӯҳ* ташаккул медиҳанд, ба охир мерасад!

## Д. Муҳокимаронӣ оид ба сирр (3,1-13)

**3,1** Дар ояти 1 Павлус баёни ҳақиқатеро шурӯъ мекунад, ки дар ояти 2 қатъ мегардад ва танҳо дар ояти 14 аз нав сар карда мешавад. Оятҳое ки муаллиф дохил намудааст, руҷӯе мебошанд, ки мавзуи он сирри Масеҳ ва Ҷамоат аст.

Он далел шавқи махсус мебахшад, ки давраи Ҷамоат худ аз худ «руҷӯъ» дар муносибати Худо бо одамон мебошад. Инро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст: Дар давоми қисми зиёди давраи таърихие ки дар Аҳди Қадим зикр шудааст, Худо асосан бо халқи яҳудӣ мушоракат дошт. Ва дар ҳақиқат, аз боби 12-уми китоби Ҳастӣ то боби 4-уми Китоби Малокии пайғамбар нақл қариб пурра дар бораи Иброҳим ва авлодони ӯст. Вақте ки Худованд Исо ба замин омад, Исроил Ӯро рад кард. Дар натиҷа Худованд аз ин халқи интихобшудаи Худ дар замин муваққатан рӯ гардонд. Акнун мо дар давраи Ҷамоат зиндагӣ мекунем, ки дар он яҳудиён ва халқҳои дигар дар назди Худо баробаранд. Пас аз он ки ба Ҷамоат одами охирин ворид мешавад ва он ба осмон бурда мешавад, Худо иҷрои нақшаи Худро, ки

ба халқи Исроил паҳн мегардад, аз нав сар мекунад. Ақрабакҳо дар соатҳои пайғамбарон ҳаракати худро аз нав сар мекунанд. Ба ҳамин тариқ, давраи ҳозира чизест монанди ҷумла дар қавсайн байни замони гузашта ва ҳозира дар муносибатҳои Худо бо Исроил. Ин боби навест дар барномаи Худо – беназир ва фарқкунанда аз ҳама чизе ки то ба он буд ё пас аз он мешавад.

Павлус дар оятҳои 2-13 ин руҷӯъро хеле муфассал шарҳ медиҳад. Оё инро карда, барои фаҳмонидани лавҳаи дохил кардашудаи пешбинии Худо руҷуи адабиро ба кор бурдани вай мувофиқати тасодуфист?

Расул ин қисмро чунин сар мекунад: *Аз ин сабаб ман, Павлус, ба хотири шумо, халқҳо, бандии Исои Масеҳ ҳастам.* Ифодаи *«аз ин сабаб»* моро ба гуфтаҳои боло оид ба мавқеи имтиёзноке ки ғайрияҳудиёни масеҳӣ ба шарофати бо Масеҳ муттаҳид гаштан дар он ҳастанд, равона мекунад.

Одатан чунин ҳисобида мешавад, ки ин нома дар вақти ҳабси аввалини Павлус дар Рум навишта шуда буд. Лекин вай оид ба худ на чун оид ба маҳбуси Рум сухан меронад. Худро чунин номидан, шояд, эътирофи шикаст, ва тараҳҳум ё ҳамдардӣ хостанро ифода мекард. Павлус худро *бандии Исои Масеҳ* меномад, ки оид ба таҳсин, шукӯҳмандӣ ва тантанаи пирӯзӣ шаҳодат медиҳад.

Рут Паксон дар ин бора хуб менависад:

*Дар Нома ба Эфесусиён бӯи зиндон нест, чунки Павлус рӯҳан озод аст. Вай чун маҳбуси Рум он ҷост, лекин худро чунин эътироф намекунад, арз мекунад, ки ӯ бандии Исои Масеҳ аст. Сирри чунин дунёбезории пирӯзмандона дар чист? Рӯҳи Павлус бо Масеҳ дар осмон аст, ҳарчанд ҷисм дар зиндон азият мекашад.*[15]

Бешубҳа, вай ба зиндон *ба хотири халқҳо* ҳабс шуда буд. Дар давоми тамоми хизматаш вай бо қабул накардани таълимоте дучор меомад, ки масеҳиёни ғайрияҳудӣ бо яҳудиёни масеҳӣ дар Ҷамоати масеҳӣ баробарҳуқуқанд. Дар ниҳояти кор бевоситаи ҳабс ва дар назди қайсар доварӣ шудани ӯ айбномаи бардурӯғ шуд, ки ки гӯё вай ба он қисми ҳудуди парастишгоҳ, ки даромадани ғайрияҳудиён номумкин буд, Трофимуси эфесусиро даровардааст (Аъм. 21,29). Лекин аз паси ин айбнома нафрати бадхашмонаи пешвоёни динӣ меистод.

**3,2** Павлус ин ҷо нақли худро қатъ карда, муҳокимарониро оид ба сирре сар мекунад, ки мо пеш чун оид ба руҷуи адабӣ ёдовар шуда будем. Ин руҷуи адабӣ оид ба давраи мобайнии таърихӣ нақл мекунад.

Албатта, онҳо медонистанд, ки бар дӯши Павлус вазифаи махсус гузошта шудааст. Вай онро *коргузории файзи Худо* меномад. Дар ин ҷо *коргузорӣ* идоракуниро ифода мекунад. Идоракунанда одамест, ки барои пеш бурдани кори одами дигар таъйин шудааст. Павлус «идоракунанда»-и Худованд буд ва ба вазифаи вай паҳн кардани ҳақиқати бузург оид ба ҷамоати Аҳди Нав дохил мешуд. Ин, ҳеҷ набошад, аз се ҷиҳат коргузории *файзи* Худо буд:

1. Нисбати он касе ки интихоб шуда буд. Павлус ба чунин шарафи бузург ноил гашта буд, бе он ки онро сазовор шуда бошад.
2. Нисбати худи мундариҷаи Хушхабар. Ин хабар оид ба марҳамати Худо буд, ки ҳеҷ кас сазовори он нест.
3. Нисбати онҳое ки ин хабар барояшон муқаррар шуда буд. Ғайрияҳудиён ба чунин марҳамат сазовор набуданд. Аммо ин *коргузории файз* ба Павлус ато шуда буд, то ки вай, дар навбати худ, онро ба ғайрияҳудиён супорад.

**3,3** Вай ин *сирро* аз ягон каси дигар нафаҳмидааст ва то ба он бо ақли худ нарасидааст. Он ба ӯ бевосита *ба воситаи ваҳйи* Худо *маълум шуда* буд. Ба мо гуфта нашудааст, ки ин дар куҷо ва чӣ тавр рӯй дод. Мо фақат як чизро медонем: бо кадом як тариқи муъҷизанок Худо ба Павлус нақшаи Худро оид ба Ҷамоате ки аз яҳудиён ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ таркиб ёфтааст, ошкор сохт. Мо пеш ёдовар шуда будем, ки *сирр* кори муқаддаси пештар барои одам номаълум ва даркнашаванда буд, алҳол бошад онро Худо ошкор кардааст. Расул оид ба ин *сирр* дар 1,9-14.22.23 ва 2,11-22 кӯтоҳакак ёдовар шуда буд.

**3,4** Навиштаҳои ӯ оид ба ин мавзуъ аллакай кофӣ буданд, то ба хонандагон нишон диҳад, ки Худованд ба вай ба *сирри Масеҳ роҳ* ёфтанро ато кард. Блейкӣ ин порчаро ба тариқи зерин андаке тағйир дода мегӯяд:

*Агар сухан оид ба он чи ман пештар навишта будам, равад, пас, инро боз бештар фаҳмо кардан хоста, ман акнун оид ба ин мавзуъ зиёда муфассалтар истода мегузарам, то*

*бубинед, ки ба муаллими шумо ин сирр хуб маълум аст ...*[16]

*Бо ибораи Сирри Масеҳ* дар ин ҷо маҳз Масеҳи мистикӣ, яъне Сар ва Бадан дар назар дошта шудааст. (Мавриди дигари истифодаи номи *Масеҳ* барои ифодаи ҳам Худованд Исо, ҳам халқи Ӯ – 1Қур. 12,12).

**3,5** Оятҳои 5 ва 6 муфассалтарин таърифҳои сирро медиҳанд. Павлус чӣ будани сирро ошкор мекунад, баъд шарҳ медиҳад, ки сирри Масеҳ дар чист.

Аввалан, ин ҳақиқатест, *ки дар наслҳои пешина ба банӣ одам маълум нашуда буд*. Яъне онро дар Аҳди Қадим ҷустан бефоида аст. Дар он ҷо рамз ва тимсолҳои ин ҳақиқатро вохӯрдан мумкин аст, аммо худи вай дар он замонҳо номаълум мемонд.

Сониян, ин ҳақиқатест, ки *ҳоло ба расулони муқаддаси Ӯ ва ба пайғамбарон ба воситаи Рӯҳ ошкор шудааст*. Худо сарчашмаи ваҳӣ буд; *расулон ва пайғамбарон* интихоб гардидаанд, то ин ваҳйро қабул намоянд; *Рӯҳулқудс* роҳе буд, ки ваҳӣ ба воситаи он бар онҳо фаромад.

Қобили зикр аст, ки *расулон ва пайғамбарони* ёдоваршуда расулон ва пайғамбарони Аҳди Наванд, на давраи Аҳди Қадим, вагарна ин банд ихтилофнок тофта метавонад. Қисми якуми он тасдиқ мекунад, ки ин ҳақиқат дар асрҳои пешина ошкор нашуда буд, пас, вай ба пайғамбарони Аҳди Қадим маълум набуд. Пас он чӣ гуна дар рӯзҳои Павлус ба одамони дар давоми садҳо сол мурда ошкор шуда метавонист? Аз афташ, ин онро ифода мекунад, ки сирри бузурги Масеҳ ва Ҷамоат ба одамони давраи Ҷамоат зоҳир шуда буд, ба чунин одамоне мисли Павлус, ки ба онҳо Худованди аз нав зиндашуда вазифаи махсуси хизмат чун намояндагон ё ҷорчиёни Ӯро вогузор намуд. (Павлус намегӯяд, ки вай *ягона шахсест,* ки ин сирри муқаддас ба вай ошкор карда шудааст; вай яке аз бисёриҳо буд, ҳарчанд аввалин касе ки ин сирро ба ғайрияҳудиён – ба ҳамзамонони худ ва ба насли баъдина ба воситаи номаҳо эълон намуд.)

Ёдовар шудан дуруст хоҳад буд, ки масеҳиёни зиёд нуқтаи назареро тарафдоранд, ки аз он чи дар боло пешниҳод шуд, бағоят фарқ мекунад. Онҳо мегӯянд, ки дар асл Ҷамоат дар Аҳди Қадим вуҷуд дошт, он вақт Исроил Ҷамоат буд; лекин алҳол ҳақиқат оид ба Ҷамоат пурратар зоҳир гаштааст. Онҳо чунин мегӯянд: «Ин сирр дар асрҳои пешина *чунон ки* он ҳозир зоҳир гаштааст, маълум набуд. Он маълум буд, лекин на ба он дараҷае ки ҳозир. Ба мо ваҳйи пурратаре ато шудааст, лекин мо ҳанӯз ҳам Исроили Худо мебошем, яъне давоми халқи Худо». Барои тақвияти нуқтаи назари худ онҳо ба Амалҳо 7,38 такя мекунанд, ки он ҷо халқи Исроил «ҷамоат дар биёбон» номида шудааст. Дар ҳақиқат, халқи интихобшудаи Худо ҷамоат дар биёбон номида мешавад, лекин ин онро ифода намекунад, ки он ба Ҷамоати *масеҳӣ* ягон хел муносибат дорад. Ниҳоят, калимаи юнонии «экклезиа» истилоҳи умумиест, ки ҳар гуна ҷамоат ё гурӯҳи ҷудокардаи одамонро ифода карда метавонад. Дар Амалҳо 19,32.40 бо худи ҳамин калима тӯдаи ғайрияҳудиён номида шудаанд. Мо бояд аз алоқамандии матн муайян намоем, ки оё Ҷамоат дар назар дошта шудааст, ё фақат тӯдаи мардум, издиҳом.

Лекин чӣ хел ба фикре ҷавоб додан мумкин аст, ки Ҷамоат, мувофиқи ояти 5, дар давраи Аҳди Қадим вуҷуд дошт, ҳарчанд ба монанди ҳозира чунин равшан ифода нагашта буд? Ҷавобро дар Кулассиён 1,26 ёфтан мумкин аст. Он ҷо қатъиян исбот карда мешавад, ки ин сирр аз асрҳо ва наслҳо пинҳон карда шудааст, алҳол бошад ба муқаддасони Ӯ ошкор карда шудааст. Сухан на дар бораи дараҷаи ошкоршавӣ, балки оид ба худи факти он меравад.

**3,6** Акнун мо ба ҳақиқати марказии ин сирр наздик мешавем: *ғайрияҳудиёни* масеҳӣ дар Ҷамоати Худованд Исои Масеҳ *дар мерос шарик,* аъзоёни баробарҳуқуқ ва *дар Исои Масеҳ ба воситаи Инҷил дар ваъда шариканд*. Ба ибораи дигар, *ғайрияҳудиёне ки* ба масеҳият рӯ овардаанд, ба мақоми баробар соҳиб мебошанд ва худи ҳамон ҳуқуқҳоеро доранд, ки яҳудиёни масеҳӣ соҳибанд.

Пеш аз ҳама онҳо *дар мерос шариканд*. Агар оид ба мерос гуфта шавад, пас онҳо онро бо яҳудиёни наҷотёфта баробар тақсим мекунанд. Онҳо ворисони Худо, *дар мерос шарик* бо Масеҳ ва бо ҳамаи бозхаридшудагон мебошанд.

Пас аз он онҳо узвҳои *ҳамон бадан* мебошанд. Акнун онҳо дур карда нашудаанд ва дар мавқеи номувофиқ нестанд, мавқеи онҳо дар Ҷамоат ба мавқеи яҳудиёни масеҳӣ баробар аст.

Ва ниҳоят, онҳо *дар Исои Масеҳ ба воситаи Инҷил дар ваъда шариканд*. Калимаи

*«ваъда»* ин ҷо Рӯҳулқудсро ифода карда метавонад (Аъм. 15,8; Ғал. 3,14), ё вай тамоми ваъдаро дар *Инҷил* ба онҳое ки *дар* Исои *Масеҳ ҳастанд,* дар бар гирифта метавонад. Дар ҳамаи ин ғайрияҳудиён бо яҳудиён шариканд.

Ҳеҷ яке аз ин тасдиқот барои сохти ҷаҳонии дар Аҳди Қадим зикршуда дуруст набуд ва вақте ки Подшоҳии ояндаи Масеҳ меояд, чунин нахоҳад буд.

Дар Аҳди Қадим Исроил дар назди Худо яқинан мавқеи имтиёзнокро ишғол мекард. Ҳар кадом яҳудӣ фақат механдид, агар мешунид, ки ғайрияҳудӣ дар ваъдаҳои Худо бо ӯ ҳиссаи баробарро мегирад. Ин дар ҳақиқат дурӯғ буд. Пайғамбарони Исроил дар ҳақиқат даъват шудани ғайрияҳудиёнро пешгӯӣ карда буданд (Иш. 49,6; 56,6.7), лекин дар ҳеҷ куҷо онҳо ҳатто ишора ҳам накарда буданд, ки ғайрияҳудиён узвҳои баробарҳуқуқи бадани ягона, ки дар он яҳудиён ҳеҷ гуна бартарӣ надоранд, хоҳанд шуд.

Дар Подшоҳии ояндаи Худованди мо Исроил сарвари халқҳо хоҳад буд (Иш. 60,12). Бар ғайрияҳудиён баракат фуруд меояд, лекин он ба воситаи Исроил фуруд меояд (Иш. 60,3; 61,6; Зак. 8,23).

Ба Исроил дар навбати аввал, ҳарчанд мустасно набошад ҳам, баракатҳои гузаранда дар замин муқаррар шуда буданд (Так. Шар. 28; Омус 9,13-15). Ба Ҷамоат дар навбати аввал атоҳои рӯҳонӣ дар ҷойҳои осмонӣ муқаррар шудаанд (Эфс. 1,3). Исроил даъват шудааст, ки халқи интихобшудаи Худо дар замин бошад. Вазифаи Ҷамоат Арӯси осмонии Масеҳ будан аст (Ваҳй 21,2.9). Исроил дар замони ҳукмронии ҳазорсолаи Масеҳ баракат дода хоҳад шуд (Ҳуш. 3,5); Ҷамоат ҷалоли Ӯро бо ҳам дида, бо Масеҳ тамоми дунёро идора хоҳад кард (Эфс. 1,22.23).

Аз ин ҷо равшан мегардад, ки Ҷамоат ва Исроил ё Подшоҳӣ на ҳамон як чиз аст. Ин умумияти нав, иттифоқи беназир ва иттиҳоди имтиёзноктарини имондорон аст, ки оид ба он мо дар Навиштаи Муқаддас мехонем. Ҷамоат баъди ба осмон рафтани Масеҳ ва фаромадани Рӯҳулқудс ба вуҷуд омад (Аъм. 2). Вай ба воситаи таъмид бо Рӯҳулқудс ташкил ёфта буд (1Қур. 12,13). Фаъолияти вай ҳангоми ба осмон бурда шудани Ҷамоат анҷом меёбад, вақте ки ҳамаи мансубони Масеҳ ба хона, ба ҷойҳои осмонӣ гирифта мешаванд (1Тас. 4,13-18; 1Қур. 15,23.51-58).

**3,7** Баробарии ғайрияҳудиён ва яҳудиёнро дар Ҷамоат зикр намуда, Павлус муҳокимаи хизмати худро дар робита бо ин давом медиҳад (о. 7-9).

Пеш аз ҳама, вай *хизматгузори* Хушхабар *гардид.* Вуэст менависад: «Калимаи *хизматгузор* гумроҳ карда метавонад, зеро он ҳозир барои ифодаи шубон дар ҷамоат кор фармуда мешавад». Дар Аҳди Нав он дар ҳеҷ куҷо чунин маъно надорад. Маънои асосии ин калима хизматгор аст; Павлус фақат он чизро дар назар дошт, ки вай дар робита бо ин сирр ба Худованд хизмат мекард.

Хизмати вай табиатан атои носазовор буд: *мувофиқи атои файзи Худо, ки ба ман дода шудааст.* Ва он на танҳо зоҳиршавии *файз* буд; он инчунин *қуввати* Худоро намоиш медод, ки Ӯ фарисии мағрурро, ки ба ҳақ будани худ боварӣ дошт, наҷот дод, ба вай вазифаи расулиро гузошт, қобилияти дарки ваҳйро дод ва ӯро барои корнамоӣ устувор гардонид. Бинобар ин Павлус мегӯяд, ки *ато* ба вай *аз рӯи амали қуввати Ӯ* ато шуда буд.

**3,8** Расул худро *хурдтарини ҳамаи муқаддасон* меномад. Баъзеҳо инро чун хоксории сохта қабул карда метавонанд. Дар асл ин худбаҳодиҳии ҳақиқии одами пур аз Рӯҳулқудс аст. Ҳар шахсе ки Масеҳро дар ҷалол мебинад, пургунохӣ ва беманфиатии худро дарк менамояд. Дар мавриди Павлус ба ин чиз хотираҳо оид ба он илова мегардиданд, ки Ҷамоати Худоро таъқиб намуда (Ғал. 1,13; Фил. 3,6), вай Худованд Исоро таъқиб мекард (Аъм. 9,4). Бо вуҷуди ин, Худованд ба вай вазифаи махсусро супурд *ба халқҳо* расондани Хушхабар (Аъм. 9,15; 13,47; 22, 21; Ғал. 2,2.8). Павлус расули *халқҳо* буд, ҳамчунон ки Петрус расули яҳудиён буд. Хизмати вай дутарафа буд: он аз мавъизаи Хушхабар ва барпо намудани Ҷамоат иборат буд. Пеш аз ҳама вай ба одамон оид ба роҳи наҷот нақл мекард, ва пас аз он онҳоро боз ба пеш мебурд – сӯи ҳақиқат оид ба ҷамоати Аҳди Нав. Барои вай мавъизаи Хушхабар на мақсади ягона, балки қадаме барои таъсис ва мустаҳкам гардонидани ҷамоатҳои инҷилии маҳаллӣ буд.

Мақсади аввалини хизмати вай *сарвати таҳқиқнопазири Масеҳро дар миёни халқҳо башорат додан аст.*

Блейкӣ инро хуб шарҳ медиҳад:

*Ду калимаи ҷолиби диққат – сарват ва таҳқиқнопазир – идеяи чизҳоеро, ки аз ҳама қиматбаҳотаранд ва дар айни замон беохир паҳн гаштаанд, баён мекунанд. Одатан ҷавоҳирот нодиранд; худи камёбии онҳо арзиши онҳоро зиёд мекунад; лекин, дар ин ҷо он чизе ки аз ҳама қиматбаҳост, беҳудуд ҳам ҳаст: сарвати дилсӯзӣ ва муҳаббат, эътибор, қувваи поккунандаи тасаллодиҳанда ва дигаргунсозанда, ки ҳадду ҳудуд надорад ва ҳар гуна хоҳиши ҳатто пурэҳтиростарини дилро акнун ва то абад қонеъ карда метавонад.*[17]

Вақте ки одам худро ба Худованд Исо имон оварда месупорад, вай дар як лаҳза миллиардери рӯҳонӣ мешавад; дар Масеҳ вай ба ганҷи бепоён соҳиб аст.

**3,9** Қисми дуюми хизмати Павлус ин аст: *ба ҳама равшан намудан, ки чист коргузории сирр,* яъне равшанӣ андохтан ба он, ки ин сирр чӣ тавр амал мекунад. Нақшаи Худо барои ин ҷаҳон аз он иборат аст, ки аз ҷумлаи ғайрияҳудиён халқеро ба исми Ӯ (Аъм. 15,14), Арӯсро барои Писари Ӯ даъват намояд. Ҳамаи он чи ба ин нақша медарояд, амалӣ гардондани (яъне коргузории[18]) ин *сирр* аст. *«Ба ҳама»* дар ин ҷо *ба ҳама* масеҳиёнро ифода мекунад. Интизор шудан лозим нест, ки одамони наҷотнаёфта ҳақиқати амиқи ин *сирро* мефаҳманд (1Қур. 2,14). Пас, Павлус *ҳамаи* масеҳиёнро дар назар дошта *«ҳама»* мегӯяд, хоҳ яҳудӣ ё ғайрияҳудӣ, озод ё ғулом бошанд.

Ин *сирр аз азал дар Худо ниҳон буд.* Худи ин андеша ҷовидона дар фикри Худо сокин буд, лекин дар ин ҷо таъкид карда мешавад, ки дар давоми асрҳои таърихи инсоният Ӯ онро пинҳон нигоҳ медошт. Ва аз нав мо мебинем, ки чӣ хел Рӯҳулқудс ғамхорона мекӯшад дар дилҳои мо он далелро таҷассум намояд, ки ҷамоати умумиҷаҳонӣ, ё Калисо, як чизи нав, беназир, бемислу монанд аст. Пеш дар бораи он фақат Худо медонист. Ин сирр *дар Худое ки ҳама чизро офарид,* ниҳон буд. Ӯ олами моддиро офарид, Ӯ *коргузориҳоро* офарид ва Ӯ Ҷамоатро офарид, лекин дар ҳикмати Худ Ӯ қарор дод донишро оид ба ин офаридаи нав то омадани аввалини Масеҳ накушояд.

**3,10** Яке аз мақсадҳои ҳозираи Худо вобаста ба ин сирр *ҳикмати гуногуншакли* Худро ба лашкари фариштаҳо дар ҷойҳои осмонӣ кушодан аст. Павлус аз нав монандии мактабро ба кор мебарад. Худо Муаллим аст. Олам ҳуҷраи синф аст. Фариштаҳо – шогирдон. Мавзуи дарс – *ҳикмати гуногуншакли Худо.* Асбобҳои аёнӣ – *Ҷамоат.* Фариштаҳо дар ҷойҳои осмонӣ аз қарорҳои ақлнорас ва роҳҳои даркнашавандаи Ӯ ба ваҷд наомада наметавонанд. Онҳо мебинанд, ки чӣ хел Худо бар гуноҳ дар ҷалоли Худ ғолиб омад. Онҳо мебинанд, ки Ӯ Беҳтарини осмонро барои бадтаринҳои замин фиристод. Онҳо мебинанд, ки Ӯ душманони Худро бо чӣ гуна арзиши азим бозхарид намуд, онҳоро бо муҳаббат тобеъ кард ва барои Писари худ Арӯс кард. Онҳо мебинанд, ки чӣ хел Ӯ онҳоро бо тамоми атоҳои рӯҳонӣ дар ҷойҳои осмонӣ баракат дод. Ва онҳо мебинанд, ки чӣ хел ба шарофати корномаи Худованд Исо дар салиб ба Худованд ҷалоли бештаре омад ва ба яҳудиён ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ баракати бештаре фуруд омад, назар ба ин ки агар гуноҳ ҳеҷ гоҳ ба ҳаёт роҳ намеёфт. Худо ҳақ дониста шуд, Масеҳ болобардор карда шуд, шайтон мағлуб шуд, Ҷамоат бошад дар Масеҳ ба тахт бардошта шуд, то ки ҷалоли Ӯро бо ҳам бинад.

**3,11** Худи ин сирр, муҳофизати он, ошкоршавии он ва ҳикмати Худоро чӣ гуна зоҳир намудани он, ҳамаи ин *мувофиқи таъйиноти азалӣ, ки онро Ӯ дар Худованди мо Исои Масеҳ ба амал овардааст,* рӯй дод. Ҳанӯз то офариниши ҷаҳон Худо медонист, ки шайтон ба ҷаҳон ворид мешавад ва одам дар гуноҳ аз пайи вай меравад. Ва Ӯ ҳанӯз ҳамон вақт нақшаи ҷавобӣ тайёр намуд. Ин нақша дар одамшавӣ, марг, растохез, ба осмон боло шудан ва ҷалоли Масеҳ ба амал омад. Масеҳ дар маркази ин мақсад буд ва он ба воситаи Ӯ ба амал меомад. Акнун Худо метавонад яҳудиён ва ғайрияҳудиёни бехудоро наҷот диҳад, онҳоро аъзои Бадани Масеҳ кунад, ба сурати Писари Худ мувофиқ кунад ва Ҷамоатро ба шарафи беназири ҷовидона Арӯси Барра шудан сарфароз гардонад.

**3,12** Ба шарофати корномаи Масеҳ ва ягонагии мо бо Ӯ, бо боварии пурра ба он ки Ӯ моро мешунавад, мо акнун имтиёзи беандозаи ҳар вақт бе тарси маҳкумшавӣ назди Худо омаданро дорем (Яък. 1,5). *Ҷасорати* мо муносибати эҳтиромона ва набудани тарс чун дар кӯдакони ба Падари худ мурочиаткунанда мебошад. *Иҷозати* мо озодии бо Худо дар дуо гап задани мост. *Дилпурии* мо ба ин ҳуқуқ бовари ба он аст, ки моро меҳрубонона қабул

мекунанд, ба мо гӯш меандозанд ва ҷавоби хирадмандона ва пурмуҳаббат медиҳанд. Ва ҳамаи ин *ба воситаи имон ба Ӯ,* яъне *имони* мо *ба* Худованд Исои Масеҳ, рӯй медиҳад.

**3,13** Аҳамияти вазифаи худ ва натиҷаҳои муъҷизаосои онро ба эътибор гирифта, Павлус масеҳиёнро даъват мекунад, ки ҳангоми андеша оид ба азобҳои вай маъюс нашаванд. Вай қарзи худро дар байни ғайрияҳудиён ичро карда, аз тоб овардан ба *азоб* хурсанд буд. Вай мегӯяд, ки ба ҷои ноумед шудан ҳангоми шунидани хабар оид ба мусибатҳои вай, онҳо дар асл бояд фахр намоянд, ки вай лоиқ દониста шудааст барои Худованд Исо азоб кашад. Онҳо бояд аз фикри он ки *азобҳои* вай ба онҳо ва дигар ғайрияҳудиён чӣ гуна манфиат меоранд, хурсанд шаванд. Онҳо бояд дар зиндон будани вайро на чун бешарафӣ, балки чун *фахр* баҳо диҳанд.

## Е. Дуои Павлус оид ба муқаддасон (3,14-19)

**3,14** Акнун расул ба андешае бармегардад, ки онро дар ояти 1 сар карда, бо бозгашт оид ба сирр қатъ кард. Аз ин рӯ *«бинобар ин»* ба боби 2 дахл дорад, ки он ҷо тасвир карда шудааст, ки ғайрияҳудиён табиатан кӣ буданд ва онҳо ба шарофати бо Масеҳ якҷоя шудан кӣ шуданд. Болоравии ҳайратангези онҳо аз бенавоӣ ва марг ба сарват ва ҷалол Павлусро водор мекунад дуо гӯяд, ки онҳо ҳамеша аз мавқеи баланди худ хурсандӣ карда, зиндагӣ кунанд.

Вазъияте ки дар он вай дуо мегӯяд, нишон дода мешавад: *зону зада.* Ин маънои онро надорад, ки мо ҳамеша бояд ҷисман зону занем, ҳарчанд дили мо бояд ҳамеша ба зону истад. Мо, дар вақти роҳ рафтан, нишастан ё якпаҳлу хобидан дуо гуфта метавонем, лекин дили мо ба аломати фурӯтанӣ ва эҳтиром бояд саҷда кунад.

Дуо ба *Падар* нигаронида шудааст. Ба маънои васеъ Худо Падари тамоми инсоният аст, зеро Ӯ Офаридгори он аст (Аъм. 17,28.29). Ба маънои танг Ӯ Падари тамоми масеҳиён аст, зеро Ӯ онҳоро ба оилаи рӯҳонии Худ қабул намуд (Ғал. 4,6). Ба маънои беназир Ӯ *Падари Худованди мо Исои Масеҳ* аст, зеро Онҳо баробаранд (Юҳ. 5,18).

**3,15** Нақши махсуси Падар, ки онро Павлус дар назар дорад, он аст, ки Ӯ Ҳамонест, *ки аз Ӯ ҳар хонавода дар осмон ва бар замин ном мегирад.* Ин чунин маъно дошта метавонад:

1. Ҳамаи наҷотёфтагон дар осмон ва дар замин Ӯро Сарвари оила меҳисобанд.
2. Ҳамаи махлуқоти офаридашуда, фариштаҳо ва одамон, на танҳо чун шахсиятҳои алоҳида, балки низ чун хонавода ба шарофати Ӯ вуҷуд доранд. Хонаводаҳо дар осмон офаринишҳои фариштавии гуногунрутбаро дар бар мегиранд. Хонаводаҳо дар замин нажодҳои гуногуни аз Нӯҳ бавуҷудомада ва акнун ба халқҳои гуногун ҷудошуда мебошанд.
3. Ҳамаи падарӣ дар олам аз Ӯ ба вуҷуд меояд. Падарии Худо аз ибтидост ва олист; ин тимсоли ҳамаи дигар муносибатҳои падарист. Филлипс ин оятро тарҷума мекунад: «ки аз Ӯ ҳамаи падарӣ дар замин ва бар осмон номи худро мегирад».

**3,16** Ин қадар бисёр илтимос кардани Павлус моро ба ҳайрат наоварда наметавонад: *мувофиқи сарвати ҷалоли Худ ато фармояд.* Ӯ дар он бора илтимос мекунад, ки масеҳиён *бо Рӯҳи Ӯ боқувват ва зӯрманд шаванд.* Лекин ба кадом андоза? Ҷемисон, Фоссет ва Браун ҷавоб медиҳанд: «Дар фаровоние ки ҷавобгӯи ганҷи ҷалоли Ӯст, на мувофиқи маҳдудияти дилҳои танги мо».[19] Мавъизагарон аксар ба фарқи байни ифодаи «аз сарват» ва «мувофиқи сарват» ишора мекунанд. Одами сарватманд маблағи андакро дода метавонад; он *аз* сарвати вай хоҳад буд, лекин *на* мутаносиб ба он! Павлус аз Худованд ато кардани қувватро *мувофиқи* сарвати камолоти Ӯ илтимос мекунад. Азбаски Худованд аз ҷиҳати ҷалол беохир сарватманд аст, бигзор масеҳиён ба он омода бошанд, ки селоби он онҳоро ғарқ мекунад! Чаро мо бояд аз чунин Подшоҳи бузург ин қадар кам илтимос кунем? Вақте аз Наполеон касе ёрии азиме хоҳиш намуд, дарҳол ба вай ёрӣ расонида шуд, зеро, чунон ки Наполеон гуфт, «вай маро бо бузургии илтимоси худ сарфароз намуд».

*Ту назди Султони султонон меоӣ*
*ва бори хоҳишҳои худро мебардорӣ,*
*чунки файз ва қуввати Ӯ чунон бузурганд,*
*ки ҳеҷ кас аз Ӯ аз ҳад зиёд талабида наметавонад.*

Ҷон Нютон

Акнун мо ба илтимосҳои аниқи дар дуоҳо баёншудаи Павлус мегузарем. Мо дар онҳо на қатори илтимосҳоеро, ки байни худ алоқаманд нестанд, балки пайдарҳамиро бояд бинем, ки дар он ҳар хоҳиши аниқ барои хоҳиши баъдина асос мегузорад. Онҳоро ба намуди аҳром тасвир менамоем. Илтимоси якум пойдевор. Баъд дар рафти дуо Павлус аҳромро то худи қуллаи дурахшон месозад.

Илтимоси аввалин аз он иборат аст, ки онҳо *бо Рӯҳи Ӯ дар одами ботин боқувват ва зӯрманд шаванд.* Атое ки Павлус оид ба он илтимос мекунад, қувваи рӯҳонист. На қобилияти офаридани мӯъҷизаҳои таъсирбахш, балки мардонагии рӯҳонӣ, ки барои масеҳии баркамол, устувор ва бохирад будан зарур аст. Ин қувваро *Рӯҳулқудс* медиҳад. Албатта, Ӯ ба мо ин қувваро танҳо ҳамон вақт дода метавонад, ки мо аз Каломи Худо ғизои рӯҳонӣ мегирем, вақте ки мо аз ҳавои тозаи дуо нафас мегирем ва ба Худованд ҳар рӯз хизмат мекунем. Ин қувва *дар одами ботин,* яъне дар қисми рӯҳонии табиати мо эҳсос карда мешавад. Маҳз *одами ботин* дар шариати Худо лаззат меёбад (Рум. 7,22). Маҳз *одами ботин* рӯз ба рӯз нав мешавад, ҳатто агар одами беруна фано шавад ҳам (2Қур. 4,16). Ва ин аз Худост, ки *одами ботини* мо ба қувва, нашъунамо ва пешрафт эҳтиёҷ дорад.

**3,17** Илтимоси дуюм аз он иборат аст, ки *Масеҳ ба воситаи имон дар дилҳои шумо сокин гардад.* Ин натиҷаи бо Рӯҳ мустаҳкам гаштан аст: мо мустаҳкам гаштаем, то *Масеҳ дар дилҳои* мо *сокин гардида* тавонад. Дар ҳақиқат Исо дар дили масеҳӣ дар лаҳзаи имон овардан сокин мегардад (Юҳ. 14,23; Ваҳй 3,20). Вале ин дуо оид ба он нест. Дар ин ҷо на оид ба сокин будани Ӯ дар масеҳӣ сухан меравад, балки оид ба он ки Ӯ худро дар он ҷо чун дар хонаи худ ҳис кунад! Ӯ сокини доимии ҳар одами наҷотёфта аст, лекин илтимос аз он иборат аст, ки Ӯ ба ҳамаи ҳуҷраҳо ва ҷевонҳои дар дарун сохташуда ҳуқуқи пурра дошта бошад; то ки Ӯро суханон, фикрҳо, ангезаҳо ва рафторҳои пургуноҳ ғамгин накунанд; то ки ҳеҷ гоҳ муносибати Ӯ бо масеҳӣ канда нашавад. Ба ҳамин тариқ, дили масеҳӣ хонаи Масеҳ мегардад, ҷое ки он ҷо будан ба Ӯ маъқул аст, чун хонаи Марям, Марто ва Элъозор дар Байт-Ҳинӣ. Дил, албатта, маркази ҳаёти рӯҳониро ифода мекунад; вай тамоми рафторҳоро назорат мекунад. Дар ҳақиқат расул дар бораи он дуо мегӯяд, ки ҳокимияти Масеҳ ба китобҳое ки мо мехонем; ба коре ки мо иҷро мекунем; ба хӯроке ки мо мехӯрем; ба пуле ки мо харҷ мекунем; ба суханоне ки мо мегӯем, хулоса, ба хурдтарин ҷузъиёти ҳаёти мо паҳн шавад.

Мо бо Рӯҳулқудс ҳар қадар бештар қавӣ гашта бошем, ҳамон қадар зиёдтар ба Худи Худованд Исо монанд хоҳем шуд. Ва ҳар қадар бештар мо ба Ӯ монанд карда шавем, ҳамон қадар беҳтар Ӯ «дар дилҳои мо маскан мегирад ва худро пурра чун дар хона эҳсос мекунад», чунон ки Вуэст инро баён мекунад.

Мо ба хурсандии дар мо сокин будани Ӯ *ба воситаи имон* ҳамроҳ мешавем. Ин боварии доимӣ ба Ӯ, итоати доимӣ ба Ӯ ва эътирофи доимии онро дар бар мегирад, ки Ӯ «дар хонаи Худ мебошад». Маҳз *ба воситаи имон* мо «ҳузури Ӯро амалӣ мегардонем», чунон ки Бародар Лоренс инро ба таври осон тасвия намудааст.

То ҳол дуои Павлус ба ҳар як Шахсияти Ваҳдати Сегона равона карда шуда буд. Вай аз Падар илтимос мекунад (о. 14), ки масеҳиёнро бо Рӯҳи Худ (о. 16) қавӣ гардонад, то *Масеҳ* дар *дилҳои* онҳо чун дар хона бошад (о. 17). Яке аз афзалиятҳои бузургтарини дуо он аст, ки мо Сарвари азалиро ба фоидаи наздикон ва худи мо ба кор ҷалб карда метавонем.

Натиҷаи иҷозати даромадани номаҳдуди Масеҳ ба ҳаёти имондор он аст, ки ӯ *дар муҳаббат реша* медавонад ва *пойдор* мегардад. Дар ин ҷо Павлус ба калимаҳо аз соҳаи ботаника ва сохтмон рӯ меоварад. Решаи растанӣ ғизо ва такягоҳро таъмин менамояд. Пойдевор ба ҳар бино зарур аст. Чунон ки Скроггӣ мегӯяд, «муҳаббат заминест, ки ба он ҳаёти мо бояд реша давонад ва харсангест, ки дар он бовари мо бояд асос ёбад».[20] *Дар муҳаббат реша давондан ва пойдор шудан – муҳаббатро* тарзи зиндагонӣ кардан мебошад. Зиндагӣ дар *муҳаббат* зиндагии пур аз некӣ, фидокорӣ, беғаразӣ ва ҳалимӣ мебошад. Ин зиндагии Масеҳ мебошад, ки дар масеҳӣ ифодаи худро ёфтааст (ниг. 1Қур. 13,4-7).

**3,18** Илтимосҳои пешина баёни барномаи рушди рӯҳонӣ ва пешрафт аст, ки фарзандони Худоро омода месозад, то *бо ҳамаи муқаддасон дарёфта тавонанд, ки чист фарохию дарозӣ ва пастию баландӣ.*

Пеш аз он ки худи ин андозаҳоро дида бароем, биёед ба ифодаи *«бо ҳамаи муқаддасон»* таваҷҷуҳ намоем. Ин мавзуъ чунон бузург аст, ки ҳеҷ як масеҳӣ беш аз андаки онро дарк карда наметавонад. Бинобар ин омӯзиши якҷоя, муҳокима ва мубодилаи таҷриба зарур аст. Рӯҳулқудс метавонад фикрҳои якҷояшудаи гурӯҳи хонандагони масеҳиро истифода барад, то ки ба Навиштаи Муқаддас саховатмандона равшании иловагӣ андозад.

Одатан чунин меҳисобанд, ки андозаҳои додашуда ба муҳаббати Масеҳ дахл доранд, гарчанде дар худи матн ин гуфта намешавад. Дар ҳақиқат, муҳаббати Масеҳ дар ҷумлаи баъдина алоҳида ёдрас карда мешавад. Агар муҳаббати Масеҳ дар назар бошад, пас маънидоди зерин имкон дошта метавонад:

Фарохӣ – ҷаҳон (Юҳ. 3,16).
Дарозӣ – ҷовидонӣ (1Қур. 13,8).
Пастӣ – ҳатто то марг дар салиб (Фил. 2,8).
Баландӣ – ҷойҳои осмонӣ (1Юҳ. 3,1.2).

Инро Ф. Б. Мейер хуб тасвия мекунад:

*Дар пеши мо ҳамеша роҳе мешавад, ки чун роҳи дар ақиб монда дуру дароз аст. Ва ҳангоме ки мо дар давоми ҳазорсолаҳо ба рӯи Исо менигарем, зебоии Ӯ ба монанди ҳамон дафъаи аввал, ки мо Ӯро аввалин бор аз дарвозаҳои биҳишт дидем, тару тоза, дилрабо ва беҳад хоҳад буд.*[21]

Вале ин андозаҳо низ ба сирр дахл дошта метавонанд, ки дар Нома ба Эфесусиён чунин ҷои муҳимро ишғол менамояд. Дар ҳақиқат дар худи матн ин андозаҳоро ёфтан осон аст.

1. *Фарохӣ* дар 2,11-18 тасвир ёфтааст. Он вусъати марҳамати Худоро дар наҷоти яҳудиён ва ғайрияҳудиён ва баъд дар Ҷамоат муттаҳид шудани оҳноро ифода мекунад. Сирр ҳар дуи ин қисми инсониятро дар бар мегирад.
2. *Дарозӣ* аз азал то абад вусъат меёбад. Агар гап дар бораи гузашта равад, масеҳиён дар Масеҳ пеш аз офариниши ҷаҳон интихоб шуда буданд (1,4). Агар гап дар бораи оянда равад, пас абадият кашфиёти доимии сарвати беҳадди файзи Ӯ хоҳад буд, ки ба мо дар марҳамати Ӯ ба воситаи Масеҳи Исо ато шудааст (2,7).
3. *Пастӣ* дар 2,1-3 возеҳу равшан тасвир карда мешавад. Мо ба вартаи гуноҳи тасвирнопазир ва таназзул ғӯтида будем. Масеҳ ба ин қаморгоҳи фасод ва нуқсон омад, то барои мо бимирад.
4. *Баландӣ* дар 2,6 нишон дода шудааст, ки дар он ҷо мо на фақат якҷоя бо Масеҳ аз нав зинда карда шудаем, балки якҷоя бо Ӯ ба тахт дар ҷойҳои осмонӣ бардошта шудаем, то ки бо Ӯ ҷалоли Ӯро бо ҳам бинем.

Дар он сурат ин андозаҳои чизҳои беандоза ва дар асл беохир аст. Ҳангоме ки мо оид ба онҳо фикр мекунем, «чизе, ки мо карда метавонем», менависад Скроггӣ, «қайд кардани тартиб дар ин ғарами калимаҳои илоҳӣ аст».

**3,19** Илтимоси минбаъдаи расул оид ба он аст, ки муқаддасон аз таҷрибаи худ *муҳаббати* аз ҳар дониш болотари *Масеҳро донист*а тавонанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ онро комилан дарк карда наметавонистанд, зеро ин уқёнуси бесоҳил аст, лекин онҳо ҳар рӯз оид ба он бештар ва бештар фаҳмида метавонанд. Аз ин сабаб вай оид ба дониши амиқи бо таҷриба асоснокшуда ва оид ба ҳаловат аз *муҳаббати* муъҷизаноки Худованди олидараҷаи мо дуо мегӯяд.

Ин дуои зебо ба авҷи аъло мерасад, ҳангоме Павлус оид ба он дуо мегӯяд, ки *бо тамоми пуррагии Худо пур шавед. Тамоми пуррагии* Худо дар Худованд Исо сокин аст (Кул. 2,9). Ӯ ҳар қадар зиёдтар дар дилҳои мо сокин гардад, ҳамон қадар бештар мо *бо тамоми пуррагии Худо* пур мешавем. Мо ҳеҷ гоҳ бо тамоми пуррагии Худо пур шуда наметавонем. Лекин ин мақсадест, ки мо ба он саъй мекунем.

Бо вуҷуди ин, инро фаҳмонида, мо бояд эътироф кунем, ки ин ҷо амиқии маъноҳо ниҳон аст, ки мо онҳоро ошкор накардем. Навиштаи Муқаддасро хонда, мо мефаҳмем, ки бо ҳақиқатҳое сару кор дорем, ки онҳо аз қобилияти фаҳмидан ё шарҳ додан афзунтаранд. Барои ба ин оят равшанӣ андохтан мо мисолро ба кор бурда метавонем: масалан, ангуштпонаи ба уқёнус ғӯтондашуда аз об пур мешавад, лекин дар ангуштпона миқдори хеле ками уқёнус ҷойгир аст! Ва ҳатто ҳангоме ки мо ҳамаи инро гуфтем, сирр нигоҳ дошта мешавад ва мо танҳо бо эҳтироми зиёд Каломи Худоро шунида ва аз беохирии он ба ҳайрат омада метавонем.

### Ё. Ситоиши Павлус (3,20-21)

**3,20** Дуо бо ситоиши илҳомбахш ба охир мерасад. Илтимосҳои пешина бузург, ҷасурона ва ба назари аввал иҷронашаванда буданд. Вале Худо дар ин алоқамандӣ нисбат ба он ки *мо* илтимос карда ё фикр карда метавонем, беандоза зиёдтар *карда метавонад*. Миқёси имкониятҳои Ӯ дар он мушоҳида мешавад, ки Павлус, файзи фаровонро тасвир карда, калимаҳоро чӣ хел саф мекашонад:

*Қодир аст;*
*қодир аст бикунад;*
*қодир аст он чи мо мехоҳем бикунад;*
*қодир аст он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем бикунад;*
*қодир аст ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем бикунад;*
*қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем зиёдтар бикунад;*
*қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад.*

Ифодаи *«бо қуввате ки дар мо амал мекунад»* ба он ишора мекунад, ки Худо ба дуо чӣ тарз ҷавоб медиҳад. Ин ба Рӯҳулқудс дахл дорад, ки доимо дар ҳаёти мо амал карда, ба ташаккули хислати ба Масеҳ монанд мекӯшад, моро барои гуноҳҳои мо сарзаниш мекунад, дар дуо моро роҳбарӣ мекунад, моро барои ибодат ба Худованд илҳом медиҳад, хизмати моро равона мекунад. Ҳар қадар бештар мо ба Ӯ тобеъ шавем, муваффақияти Ӯ дар монанд кардани мо ба Масеҳ ҳамон қадар бештар мешавад.

**3,21** *Ӯро дар Ҷамоат ва дар Исои Масеҳ аз насл ба насл то абад ҷалол бод. Омин.* Худо мавзуи лоиқи ситоиши абадист. Ҳикмат ва қувваи Ӯ дар лашкари фариштаҳо зоҳир гаштааст; дар офтоб, моҳ ва ситораҳо; дар ҳайвонот, паррандагон ва моҳиҳо; дар оташ, жола, барф ва туман; дар шамол, кӯҳҳо, теппаҳо ва дарахтон; дар подшоҳон ва халқҳо; дар пирон ва ҷавонон; дар Исроил ва ғайрияҳудиён. Ҳамаи ин номи Худовандро бояд ҷалол диҳад (Заб. 148).

Лекин боз як гурӯҳе ҳаст, ки ба Худо *ҷалоли* беохир меоварад, ва маҳз *Ҷамоат* Масеҳ, ки Сарвари он аст ва масеҳиён, ки Бадан ҳастанд. Ин иттиҳоди наҷотёфтагон ба воситаи пӯшидани гуноҳҳо шаҳодати абадии марҳамати бемисл, ҷозиби Ӯ хоҳад буд.

Вилямс менависад:

*Ҷалоли абадии Худо чун Худо ва Падар дар давоми тамоми асрҳо дар Ҷамоат ва Исои Масеҳ намудор хоҳад шуд. Фикри аҷоиб! Масеҳ ва Ҷамоат чун як Бадан воситаи ин далеловарии ҷовидонӣ мешаванд.*[22]

Ҳатто ҳозир Ҷамоат бояд *«бо парастишҳои ситоишкунандаи Худованд, бо ҳаёти покизаи аъзоёни худ, бо мавъизаи Хушхабар дар тамоми дунё ва бо хизмати худ ба одамон дар ғаму муҳтоҷӣ»* исми Ӯро ҷалол диҳад (Эрдман).

Ин ситоиш *аз насл ба насл то абад* давом хоҳад кард. Ҳангоме мо мешунавем, ки чӣ хел Павлус ба ҷалолдиҳии ҷовидонӣ ва шукргузории Худо дар Ҷамоат ва дар Исои Масеҳ даъват мекунад, дилҳои мо самимона «Омин!» мегӯянд.

## II. ТАРЗИ ЗИСТИ ИМОНДОР ДАР МАСЕҲ (Б. 4–6)

### А. Даъват ба ягонагӣ дар байни масеҳиён (4,1-6)

**4,1** Ин ҷо Павлус мавзуъро тез дигар мекунад. Бобҳои пешина ба даъвати масеҳиён бахшида шуда буданд. Дар се боби минбаъда вай аз онҳо *хоҳиш мекунад, ки шоистаи даъвате ки ба он хонда шудаанд, рафтор кунанд.* То ҳол мавзуи асосӣ мавқеи баланди мо буд, ки тибқи файз ато шудааст. Акнун бошад дар маркази диққат ҳаётест, ки мо вазифадорем мувофиқи ин *даъват* ба сар барем. Унвони баланд дар Масеҳ тарзи зисти парҳезгоронаи муносибро низ талаб менамояд. Бинобар ин Нома ба Эфесусиён дар ҳақиқат аз осмон (дар бобҳои 1-3) ба ҷамоати маҳаллӣ, ба хонавода, ва умуман ба ҷамъият (дар бобҳои 4-6) мегузарад. Чунон ки Стотт ишора мекард, ин бобҳои хотимавӣ меомӯзанд, ки «мо бояд барои ягонагӣ дар ҷамоат, покизагии ҳаётамон, ҳамоҳангӣ дар оила, матонати қавӣ дар мубориза зидди қувваҳои бадӣ меҳнат кунем».

Павлус бори дуюм худро *бандӣ* меномад, ин дафъа *бандӣ дар Худованд.* Теодорет навишта буд: «Он чиро, ки ҷаҳон шармандагӣ меҳисобид, вай шарафи баландтарин меҳисобад; бо завлонаҳо барои Масеҳ вай бештар фахр мекунад, нисбат ба ин ки подшоҳ бо тоҷи худ».

Расул, ки барои садоқат ва итоат ба Худованд ба зиндон афтодааст, хонандагонро даъват мекунад *шоистаи даъвате ки ба он хонда шудаанд, рафтор кунанд.* Вай дастур намедиҳад ва фармон намедиҳад. Вай аз онҳо ба забони файз меҳрубонона ва мулоим хоҳиш мекунад.

Калимаи *«рафтор кардан»* дар ин мактуб панҷ маротиба вомехӯрад (4,1.7; 5,2.8.15) ва тамоми тарзи зиндагии одамро тасвир менамояд. *Шоиста рафтор кардан* – мувофиқи мақоми баланди масеҳӣ, чун узви Бадани Масеҳ, зистанро ифода мекунад.

**4,2** Дар ҳамаи он чи мо мекунем, мо бояд парҳезгории Масеҳро зоҳир намоем. Хислати хоси вай:

*Фурӯтанӣ* – хоксории ҳақиқиест, ки аз наздикӣ ба Худованд Исо бармеояд. *Фурӯтанӣ* моро ба дарки камаҳамиятии худ водор менамояд ва имкон медиҳад дигаронро аз худ болотар донем. Он ба кибр ва худписандӣ муқобил аст.

*Мулоимат* – ҳолатест, ки масеҳӣ ба иродаи Худо бе норозигӣ итоат мекунад ва намекӯшад аз одамон барои зарари расонидаашон қасос гирад. Равшантарин намунаи ин ҳаёти Он Касест, ки гуфтааст: «Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам». Райт менависад:

*Чӣ гуна изҳороти ҳайратовар зебо! Он Касе ки ҷаҳонро офарид, ситораҳоро дар олам пош дод ва ҳамаи онҳоро бо номҳояшон номбар мекунад, галаситораҳои бешуморро гумроҳ шудан намемонад, дар тарозу кӯҳҳо ва дар паллаи тарозу теппаҳоро бармекашад, дар каф обҳои уқёнусро нигоҳ медорад ва барояш ҷазираҳо чун зарраи гард аст, ҳамаи бошандагони замин бошанд чун малахакҳо, маҳз дили Ӯ ҳалим ва фурӯтан аст. Ӯ ният надошт, ки идеали комили одамӣ офарад ва баъд ба он мувофиқ гардад, Ӯ худи он буд.*[23]

*Пурсабрӣ* – қобилияти оромона ва босаброна тоқат кардан ба хурдагириҳои доимӣ. Инро дар мисоли сагбача ва саги калон нишон додан мумкин аст. Сагбача аз қаҳру ғазаб ҳиқҳиқ карда ба саги калон аккос мезанад, ӯро газиданӣ шуда ба вай ҳамла мекунад, лекин саге ки бо як зарбаи пой сагбачаро зада кушта метавонист, босаброна густохии вайро таҳаммул мекунад.

*Якдигарро дар муҳаббат бардошт намудан* – ба хатоҳо ва нобарориҳои дигарон бо фаҳмиш муносибат кардан, фарқҳоро дар қобилият ва ғайрат ба эътибор гирифтан аст. Ин танҳо боназокат монданро ҳангоми дар дарун аз қаҳру ғазаб ҷӯш задани ҳама чиз ифода намекунад. Ин дӯст доштани онҳоест, ки ба шумо халал мерасонанд, меранҷонанд ва ба ҳолати ногувор мемононанд.

**4,3** *Ва саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро бо банди осоиш нигоҳ доред.* Ҷамоат барпо карда, Худо партгоҳи бузургтаринеро, ки одамонро аз ҳам ҷудо мекард, нест кард – партгоҳи байни яҳудиён ва ғайрияҳудиёнро. Дар Масеҳ Исо тамоми фарқҳои байни онҳо бартараф шуданд. Бале, аммо ин дар ҳаёти онҳо чӣ хел инъикос меёбад? Оё онҳо аз зиддияти чандинасра раҳо меёбанд? Оё «Ҷамоати яҳудии Масеҳ» ва «Ҷамоат барои халқҳо» ба дунё меояд? Ҷамоатро аз ихтилоф ва душманӣ муҳофизат карданӣ шуда, Павлус аз масеҳиён хоҳиш мекунад, ки ягонагиро нигоҳ доранд.

Онҳо бояд, қувваашонро дареғ надошта, кӯшиш кунанд, ки *ягонагии Рӯҳро нигоҳ доранд. Рӯҳулқудс* ҳамаи масеҳиёни ҳақиқиро ба як чизи том дар Масеҳ муттаҳид сохт; дар Бадан як *Рӯҳ* зиндагӣ мекунад. Ин асоси *ягонагист,* ки ба вайрон кардани он зӯри ҳеҷ кас намерасад. Лекин муқаддасон бо низоъҳо ва ҷанҷолҳои худ тасаввуроте ба амал оварда метавонанд, ки гӯё чунин нест. *Ягонагии Рӯҳро нигоҳ доштан* бо ҳамдигар дар осоиш зистанро ифода мекунад. *Осоиш* он чизест, ки аъзоёни Баданро, бо вуҷуди фарқҳои ҳайратангези миллии онҳо, ба ҳамдигар мепайвандад. Аксуламали табиӣ ба ихтилофи баамаломада – ҷудо шудан ва таъсис додани боз як ҳизби дигар аст. Аксуламали рӯҳонӣ бошад чунин аст: «Дар чизи асосӣ – ягонагӣ. Дар чизи баҳснок – озодӣ. Дар ҳама чиз – меҳрубонӣ». Дар ҳар кадоми мо ба қадри кофӣ чизи ҷисмонӣ ҳаст, ки ҳар гуна ҷамоати маҳаллӣ ё кори дигари Худоро вайрон карда метавонад. Бинобар ин мо бояд ҳавою ҳавасҳои дӯстдоштаи худро дур андозем ва бахри ҷалоли Худо ва баракати умумӣ бо якдигар дар *осоиш* меҳнат кунем.

**4,4** Мо бояд диққати худро на ба фарқҳо, балки ба ҳафт ҷанбаи ҳақиқати мусбат, ки ягонагии ҳақиқии масеҳӣ бар онҳо асос ёфтааст, ҷалб намоем.

*Як Бадан.* Бо вуҷуди ҳамаи фарқҳо дар нажод, ранги пӯст, миллат, фарҳанг, забон ва мизоҷ танҳо *як Бадан* ҳаст, ки онро ҳамаи

масеҳиёни ҳақиқӣ аз рӯзи Пантикост то ба осмон бурда шудан ташкил медиҳанд. Равияҳо, иттиҳодҳо ва ҳизбҳо ба берун баромадани ин ҳақиқат халал мерасонанд. Бо баргаштани Наҷотдиҳанда ҳамаи ин монеаҳои сунъӣ нест мешаванд. Бигзор суханони зерин шиори мо гарданд: «Гурӯҳҳо ва ҳизбҳоро барҳам медиҳем; фақат Исо ҳама дар ҳама чиз аст».

*Як Рӯҳ.* Худи ҳамон Рӯҳулқудс, ки Он дар ҳар кадом масеҳии алоҳида зиндагонӣ мекунад (1Қур. 6,19), дар Бадани Масеҳ низ зиндагӣ мекунад (1Қур. 3,16).

*Як умед.* Ба ҳамаи аъзоёни Ҷамоат тақдири якхела омода карда шудааст: бо Масеҳ будан, ба Ӯ монанд будан, дар давоми тамоми абадият ҷалоли Ӯро бо ҳам дидан. Дар зери мафҳуми *умед* ин ҷо ҳамаи он чи муқаддасонро ҳангоми баргаштани Худованд Исо ва баъд аз он интизор аст, дар назар дошта мешавад.

**4,5** *Як Худованд.* «Зеро, ҳарчанд ба ном худоён чи дар осмон, чи дар замин ҳастанд, чунки худоёни бисёр ва худовандони бисёр ҳастанд, – мо як Худо дорем, яъне Падар, ки ҳама чиз аз Ӯст, ва мо барои Ӯ ҳастем, ва як Худованд дорем, яъне Исои Масеҳ, ки ҳама чиз ба воситаи Ӯст ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем» (1Қур. 8,5.6; ниг. Ҳамчунин 1Қур. 1,2).

*Як имон.* Ин *имони* масеҳист, таълимотест, ки «як бор ба муқаддасон супурда шуд» (Яҳ. 3) ва барои мо дар Аҳди Нав нигоҳ дошта шудааст.

*Як таъмид.* Ин ҳақиқат ду ҷанба дорад. Якум: *як таъмид* бо Рӯҳ ҳаст, вақте ки ҳамаи масеҳиён ба Масеҳ аъзоёни Бадан мегарданд (1Қур. 12,13). Инчунин *як таъмид ҳаст,* ҳангоме ки масеҳиён оид ба ягонагии худ бо Масеҳ дар марг, дафн ва растохез эълон менамоянд. Ҳарчанд имрӯз усулҳои гуногуни таъмид ҳастанд, Аҳди Нав фақат як таъмиди имондоронро эътироф менамояд: ба номи Падар, Писар ва Рӯҳулқудс. Таъмидро қабул карда, шогирдон садоқати худро ба Масеҳ, дафни «ман»-и кӯҳнаи худ ва қарори ҳаёти нав ба сар бурданро эълон менамоянд.

**4,6** *Як Худо.* Ҳар кадом фарзанди Худо *як Худо* ва *Падари* ҳамаи бозхаридшудагонро эътироф менамояд, *ки Ӯ:*

*бар болои ҳама мебошад* – Ӯ Ҳокими олии олам аст;

*ба воситаи ҳама мебошад* – Ӯ, ҳама ва тамоми чизҳоро барои ноил шудан ба мақсадҳои Худ истифода бурда, ба воситаи ҳама амал мекунад;

*дар ҳамаи мо* – Ӯ дар ҳамаи масеҳиён умр ба сар мебарад ва дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад.

## Б. Барнома барои ҳамкории дурусти аъзоёни Бадан (4,7-16)

**4,7** Таълимот оид ба ягонагии Бадани Масеҳ бо ҳақиқат оид ба гуногунии аъзоёни он зич алоқаманд аст. Ба ҳар як узв кори муайян супорида шудааст. Дар байни онҳо ду нафари якхела ё касе ки вазифааш нусхаи аниқи вазифаи дигарӣ бошад, нест. Ба ҳар кас вазифа *ба андозаи атои Масеҳ* дода мешавад, яъне Ӯ чунон ки зарур мешуморад, тақсим мекунад. Агар ин ҷо зери мафҳуми *атои Масеҳ* Рӯҳулқудс дар назар бошад (Юҳ. 14,16.17; Аъм. 2,38.39), пас ин оят таълим медиҳад, ки маҳз Рӯҳулқудс ба ҳар яки муқаддасон истеъдод ва қобилияти ба кор бурдани онро медиҳад. Ҳангоме ки ҳар як узв кори ба вай супурдашударо иҷро мекунад, Бадани Масеҳ ҳам рӯҳан ва ҳам миқдоран месабзад.

**4,8** Барои ба ҳар кадом фарзанди Худо дар ёфтан ва иҷро кардани вазифаи худ ёрӣ додан Худованд якчанд *атоҳои* махсуси хизмати Ҷамоатро дод. Онҳоро набояд бо он атоҳое ки дар ояти пешина оид ба онҳо гуфта шуд, омехта кард. Дар ҳар масеҳӣ ягон хел ато (о. 7) ҳаст, лекин на ҳамаи онҳо ба гурӯҳи атоҳои дар ояти 11 зикршуда тааллуқ доранд; инҳо *атоҳои* махсусе ҳастанд, ки барои нашъунамои Бадан муқаррар шудаанд.

Аввалан, мо мебинем, ки ин атоҳои махсусро Худованд Исои Масеҳи аз нав зиндашуда, ба осмон болошуда, ҷалолёфта медиҳад. Павлус Забур 67,19-ро чун пешгӯӣ оид ба он иқтибос меоварад, ки Масеҳ ба осмон мебарояд, душманони Худро мағлуб менамояд, онҳоро ба *асирӣ* мегирад ва чун мукофот барои ғалабаи Худ барои одамон *атоҳо* қабул мекунад.

**4,9** Лекин ин ҷо мушкилот ба вуҷуд меояд! Масеҳ чӣ хел тавонист ба осмон барояд? Магар Ӯ он ҷо бо Худо Падар аз азал зиндагӣ намекард? Равшан аст, ки пеш аз бардошта шудан ба осмон, аз он фуруд омадан лозим буд. Пешгӯӣ дар хусуси ба осмон боло шудани Ӯ дар Забур 67,19 дар назар дорад, ки пеш

аз ин фуруд омадан воқеъ шуда буд. Бинобар ин ояти 9-ро мо ба таври дигар тахминан чунин баён карда метавонем: «Ҳангоме Забур 67 мегӯяд, ки *«боло рафт» гуфтан чист, ғайр аз ин ки Ӯ пештар ба ҷойҳои пасттари замин фуруд ҳам омада буд?»* Мо медонем, ки ҳама чиз маҳз чунин ҳам буд. Худованд Исо ба охури Байт-Лаҳм, марг дар салиб ва қабр фаромад. Ақидае ҳаст, ки дар зери мафҳуми *ҷойҳои пасттари замин* дӯзах дар назар дошта шудааст. Лекин ин ба мантиқи далел мувофиқат намекунад: Пеш аз боло рафтани Ӯ бояд ба замин фуруд омаданаш воқеъ мешуд, на ба дӯзах. Илова бар ин, Навиштаи Муқаддас ба мо имкони фаҳмидани онро медиҳад, ки ҳангоме Масеҳ мурд, рӯҳаш на ба дӯзах, балки ба осмон рафт (Луқ. 23,43.46).

**4,10** Пешгӯии Забур 67,19, бо зимни фуруд омадани дар назар дошташуда, пурра дар одамшавӣ, марг ва дафн иҷро шуда буд. Он Касе ки аз осмон *фуруд омад,* Ҳамонест, ки бар гуноҳ, шайтон, девҳо ва марг ғолиб омад ва *болотар аз тамоми* муҳит ва ситораҳои *осмонҳо боло ҳам рафт, то ҳама чизро пур кунад. Ӯ ҳама чизро пур мекунад* ба он маъно, ки сарчашмаи ҳамаи баракатҳо, маҷмуи ҳамаи некӯкориҳо ва Ҳокими олии ҳама чиз мебошад. *«Байни умқи салиб ва баландии ҷалол ягон гӯшае ҳам нест, ки аз тарафи Ӯ ишғол нашуда бошад»*, – менависад Ф. В. Грант.[24]

Фикри марказии оятҳои 8-10 аз он иборат аст, ки атоҳоро Масеҳи болорафта тақсим мекунад. То ба осмон баргаштани Ӯ ин атоҳо набуданд. Ин боз як далелест ба фоидаи ақидае ки дар Аҳди Қадим Ҷамоат вуҷуд надошт, вагарна ин Ҷамоати бе атоҳо мебуд.

**4,11** Пас аз ин номгӯи ин атоҳо меояд. Боиси ҳайрати мост, ки ин асло на қобилиятҳо ё истеъдодҳо, балки одамонанд. Ӯ баъзеро расул, баъзеро пайғамбарон, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъйин намуд.

*Расулон* одамоне буданд, ки Худованд ба онҳо бевосита мавъизаи Калом ва таъсиси ҷамоатро вогузор намуд. Онҳо Масеҳи аз мурдагон зиндашударо дида буданд (Аъм. 1,22). Онҳо қудрат доштанд барои тасдиқи ҳақиқӣ будани мавъизаи худ (Ибр. 2,4) муъҷизаҳо офаранд (2Қур. 12,12). Мақсади асосии хизмати ҳам расулон, ҳам пайғамбарон гузоштани таҳкурсии Ҷамоат аст (Эфс. 2,20). Ба расулони дар ин оят зикршуда танҳо ҳамонҳое тааллуқ доранд, ки *баъди ба осмон рафтани* Масеҳ расул буданд.

*Пайғамбарон* ҷорчиён, ё карнайи Худо буданд. Онҳо бевосита аз Худованд ваҳй мегирифтанд ва онро ба Ҷамоат медоданд. Ҳама чизе ки онҳо бо қувваи Рӯҳулқудс мегуфтанд, Каломи Худо буд.

Ҳозир дар байни мо ба маънои аслии калима на пайғамбарон ҳастанд, на расулон. Ҳамин ки асоси Ҷамоат гузошта шуд ва қонуни шаръии Аҳди Нав анҷом ёфт, хизмати онҳо ба охир расид. Мо пеш таъкид карда будем, ки ин ҷо Павлус оид ба *пайғамбарони* Аҳди Нав сухан меронад; онҳо аз тарафи Масеҳ баъди ба осмон бурда шудани Ӯ дода шуда буданд. Кӯшиши бо пайғамбарони Аҳди Қадим дар як сатҳ гузоштани онҳо душвориҳо ва бемаънигиро дар маънидоди ин оят ба вуҷуд меоварад.

*Башоратдиҳандагон* онҳоеанд, ки Хушхабари наҷотро мавъиза мекунанд. Онҳо аз Худо ҳама чизи заруриро гирифтанд, то ба ҳалокшудагон барои назди Масеҳ омадан ёрӣ диҳанд. Ба шарофати қобилиятҳои махсус онҳо метавонанд ҳолати гуноҳкорро ташхис кунанд, виҷдонашро бо зонд таҳқиқ кунанд, ба эътироз ҷавоб диҳанд, барои гузоштани қадами қатъӣ ва ба даст овардани боварии қатъӣ ба наҷот ёрӣ диҳанд. Муждабар бояд аз ҷамоати маҳаллӣ барояд, ба ҷаҳон Хушхабар расонад ва баъд навимононро ба ҷамоати маҳаллӣ оварад, ки он ҷо онҳо ғизои рӯҳонӣ ва дастгирӣ мегиранд.

*Шубонон* онҳоеанд, ки Масеҳ шубонони хурди гӯсфандон таъйин кард, то онҳоро хӯронанд ва равона кунанд. Хизмати шубонон хизмати маслиҳати бохирадона, ислоҳ кардан, рӯҳбаланд кардан ва тасалло додан аст.

Кори *шубон* бо кори пирон дар ҷамоати маҳаллӣ зич алоқаманд аст; фарқи асосӣ он аст, ки шубонӣ ато аст, дар ҳоле ки усқуф ё пир будан вазифа мебошад. Аҳди Нав ёдовар мешавад, ки дар як ҷамоати маҳаллӣ якчанд шубонон буданд (Аъм. 20, 17.28; 1Пет. 5,1.2), на як усқуф ё шубон.

*Муаллимон* одамонеанд, ки аз Худо қобилияти фаҳмондани суханони Навиштаи Муқаддас, маънидод кардани маънои онҳо ва то ба дилҳо ва виҷдони муқаддасон бурда расонидани онро гирифтаанд. Дар ҳоле ки муждабар метавонад мавъизаи Хушхабарро дар

асоси оят берун аз матн бунёд намояд, муаллим мекӯшад нишон диҳад, ки оят ба ин матн чӣ хел мувофиқат мекунад.

Азбаски дар ин оят байни *шубонон* ва *муаллимон* алоқа ҳаст, бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо танҳо атои «шубон-муаллим» дар назар дошта шудааст. Лекин аз эҳтимол дур аст, ки чунин бошад. Муаллим буда, дили шубонро надоштан ҳам мумкин аст. Шубон, дар навбати худ, атои муаллимро соҳиб набуда, Каломро истифода карда метавонад. Агар дар ояти 11 *шубон ва муаллим* худи ҳамон одамон бошанд, пас ин, ба худи ҳамон қоидаҳои грамматикӣ риоя намуда, ҳам ба расулон ва ҳам ба пайғамбарон дар 2,20 тааллуқ дорад.[25]

Якчанд сухан дар хотима. Мо ба ҳеҷ ваҷҳ набояд атоҳои Худоро бо истеъдодҳои табиӣ омехта кунем. Ҳеҷ кас аз одамони наҷотнаёфта, ҳар қадар истеъдоднок бошанд ҳам, муждабар, шубон ё муаллиме ки Аҳди Нав дар бораи вай мегӯяд, буда наметавонанд. Масеҳӣ ҳам, агар ин атои аниқро қабул накарда бошад, чунин буда наметавонад. Ин атоҳои Рӯҳ фавқуттабиӣ мебошанд. Онҳо ба одам қобилияти кардани он чиро медиҳанд, ки вай худ ба худ ҳеҷ гоҳ ба амал оварда наметавонист.

**4,12** Акнун мо ба вазифаи атоҳо мегузарем. Ин *такмили муқаддасон ба кори хизмат, барои обод намудани Бадани Масеҳ* аст. Ин ҷараён чунин аст:

1. Бахшоишҳо *ба муқаддасон* ҳама чизи заруриро медиҳанд.
2. *Муқаддасон* ба шарофати ин хизматгузорӣ мекунанд.
3. Дар натиҷа *Бадани* Масеҳ сохта мешавад. Мафҳуми *кори хизмат* ин ҷо на тарзи муайяни машғулиятеро ифода мекунад, ки одамони тайёрии мувофиқ гирифта иҷро мекунанд; ин мафҳум тамоми шаклҳои хизматгузории рӯҳониро дар бар мегирад. Ояти додашуда меомӯзад, ки кори хизматгузориро бояд ҳамаи муқаддасон ба ҷо оваранд.

Атоҳо барои *такмили муқаддасон* дода шудаанд, то ки дар онҳо ҳама чизи зарурӣ барои хизмат ба Худованд бошад ва, чун натиҷа, барои *бинои Бадани Масеҳ*.

Венс Ҳавнер бо услуби бемисли худ баён мекунад:

*Ин вазифа ба ҳар як шахс супурда шудааст, зеро ҳар як масеҳӣ миссионер аст. Касе гуфтааст, ки Хушхабар на фақат он чизест, ки мо бояд ба ҷамоат омада гӯш кунем, балки он чиз ҳам ҳаст, ки мо вазифадорем аз ҷамоат баромада нақл кунем ва ин бе истисно ба ҳамаи мо дахл дорад. Як каси дигар гуфтааст: «Ҷамоати масеҳӣ чун гурӯҳи шоҳидони ғайрикасбӣ ба вуҷуд омад ва ба суханронии касбӣ аз минбар мубаддал гашт, ки муздашро шунавандагони ғайрикасбӣ мепардозанд». Имрӯз мо хизматчиёни ҷамоатро барои ба ҷо овардани кори Худо киро мегирем ва дар рӯзҳои якшанбе ба ҷамоат барои мушоҳида кардани он меоем, ки онҳо инро чӣ хел мекунанд. Ҳар масеҳӣ бояд хизматгори касбии Худо бошад. Албатта, хизмати аниқи шубон, муждабар ва муаллим ҳам ҳаст, лекин мақсади он дар чист? Такмили муқаддасон ба кори хизматгузорӣ.*[26]

Ин одамони аз тарафи Худо додашуда бояд хизмати худро на он хел адо намоянд, ки масеҳиён бе онҳо қадаме ҳам гузошта натавонанд. Не, онҳо вазифадоранд барои он рӯзе меҳнат кунанд, ки муқаддасон мустақилона кори саркардаи онҳоро давом дода тавонанд.

Инро чунин нишон додан мумкин аст:



Доира дар марказ, масалан, рамзи атои муаллим аст. Муаллим ба онҳое хизмат мекунад, ки ба доираи маҳдуди вай тааллуқ доранд, ва ба онҳо ёрӣ медиҳад, то ба камолот, яъне ба балоғат дар имон расанд. Онҳо дар навбати худ мувофиқи атоҳои аз Худо гирифтаашон ба дигарон хизмат мекунанд. Ҷамоат ҳам миқдоран, ҳам рӯҳан нашъунамо намуданро сар мекунад. Ин усули илоҳии нашъунамои ҷамоат аст.

Бо чаҳорчӯбаи синфи интихобшудаи одамон маҳдуд кардани хизмати масеҳӣ ба инкишофи рӯҳонии халқи Худо халал мерасонад,

кори умумиҷаҳонии мавъизаи Хушхабарро пахш мекунад, ба нашъунамо кардани Ҷамоат халал мерасонад. Ба рӯҳониён ва қавм ҷудо кардани масеҳиён мухолифи Навиштаи Муқаддас ва яке аз ҷиддитарин монеаҳо дар кори паҳнкунии Хушхабар мебошад.

**4,13** Ояти 13 ба саволе ҷавоб медиҳад, ки ин раванди афзуншавӣ то кай давом хоҳад кард. Вай мегӯяд: *«То даме ки ҳамаамон* ба ҳолати *ягонагӣ,* камолот ва монандӣ бо Масеҳ бирасем».

*Ягонагӣ.* Ҳангоме ки Худованд Ҷамоатро ба хона ба осмон мегирад, ҳамаи мо *дар ягонагии имон* ба он ҷо меоем. Ҳозир мо бисёр чизҳоро як қадар тира мебинем. Дар бобати бисёр чизҳо ақидаҳои мо фарқ мекунанд. Он вақт бошад мо ба ҳамфикрии комил мерасем. Мо инчунин *ба ягонагии шиносоии Писари Худо* мерасем. Дар ин ҷо ҳамаи мо оид ба Худованд, оид ба он ки Ӯ чӣ гуна аст, оид ба мазмуни таълимоти Ӯ ақидаи шахсӣ дорем. Он вақт бошад мо Ӯро чунон ки Ӯ ҳаст, мебинем, ва чунон ки шинохта шудаем, мешиносем.

*Камолот.* Дар вақти ба осмон бурда шудан мо ба балоғати пурра ҳам мерасем. Ва чун шахсиятҳои алоҳида, ва чун Бадани Масеҳ, мо балоғати рӯҳониро ба даст меоварем.

*Монандӣ бо Масеҳ.* Мо ба Ӯ монанд мешавем. Ахлоқан ҳар кас нусхаи аниқи *Масеҳ* мешавад. Ҷамоати умумиҷаҳонӣ Бадани ҳамоҳанг инкишофёфта мешавад, ки тамоми талаботи Сарвари пурҷалоли худро қонеъ мекунад. «Пуррагии Масеҳ – худи Ҷамоат аст, пуррагие ки ҳамаро дар ҳама чиз пур мекунад». *Андозаи бузургии пурраи* Ҷамоат маънои ба анҷом расидани инкишофи он, иҷро шудани нақшаи Худоро барои афзуншавии он дорад.

**4,14** Ҳангоме ки атоҳо чунон ки онро Худо муқаррар карда буд, истифода мешаванд, ҳангоме ки муқаддасон ба Худованд фаъолона хизмат мекунанд, он гоҳ ҷамоат аз се хатар наҷот ёфта метавонад: хомӣ, ноустуворӣ ва зудбоварӣ.

*Хомӣ.* Агар масеҳиён дар хизмати фаъолона ба Масеҳ, ки ҷидду ҷаҳди тамоми қувваҳоро талаб мекунад, иштирок намуданро сар накунанд, пас онҳо ҳамон хел *кӯдакони* рӯҳонӣ мемонанд. Онҳо аз сабаби норасоии машқ дар инкишоф ақиб мондаанд. Муаллифи Нома ба Ибриён маҳз ба чунин шахсон муроҷиат мекунад: «... мувофиқи дарозии замон, мебоист шумо муаллим мешудед; лекин шуморо аз нав таълим додан лозим меояд» (Ибр. 5,12).

*Ноустуворӣ.* Хатари дигар ноустувории рӯҳонӣ мебошад. Масеҳиёни хом ба навигариҳои гуногуни бемаънӣ ва хаёлоти аҷоиби фиребгарони касбӣ фавқулода таъсирпазиранд. Онҳо ба лӯлиҳои рӯҳонии аз як хобу хаёл ба дигараш кӯчанда табдил меёбанд.

*Зудбоварӣ.* Лекин аз хатари қурбони фиреб шудан дида ҷиддитар чизе нест. Чунки кӯдакон аз сухани адолат бехабаранд, ҳиссиёти онҳо ба фарқи некӣ ва бадӣ одат накардаast (Ибр. 5,13.14). Онҳо албатта бо аъзои ягон мазҳаб вомехӯранд, ки ҷидду ҷаҳди боэҳтимом ва самимияти зоҳирии вай ба онҳо таассуроти фаромӯшнашаванда ба вуҷуд меоваранд. Аз вай суханони диниро шунида, онҳо вайро масеҳии ҳақиқӣ мепиндоранд. Агар худи онҳо Навиштаи Муқаддасро меомӯхтанд, суханбозии моҳиронаи вай онҳоро фиреб намедод. Лекин ҳозир онҳоро *боди таълими* вай бо ҳила ба доми таълимоти бардурӯғ кашида, аз пайи худ *гирифта мебарад.*

**4,15** Дар ду ояти охирини ин порча равиши солими нашъунамо дар Бадани Масеҳ тасвир карда мешавад. Дар ин ҷо пеш аз ҳама тарафдорӣ ба таълимот зарур аст: *ростиро баён намуда.* Дар ҳамаи чизе ки ба асосҳои имон дахл дорад, ҳеҷ гуна созиш буда наметавонад. Дуюм: рӯҳи дуруст даркор аст: *дар муҳаббат ростиро баён намуда.* Шаҳодати ба тарзи дигар гуфташуда кӯчае хоҳад буд, ки ҳаракати яктарафа дорад.

Блейкӣ огоҳӣ медиҳад:

*Ростӣ он унсуре мебошад, ки мо бояд дар он зиндагӣ кунем, ҳаракат кунем, мавҷуд бошем. Лекин ҳақиқат бояд бо муҳаббат бо бандҳои канданашаванда алоқаманд бошад. Хабари хуше ки дағалона гуфта шудааст, чандон хуш нест. Агар рӯҳи муждабар ба мавҷи хабар ҷӯр набошад, пас ҳамаи суханони вай мурдаанд.*[27]

Акнун, ҳангоме ки масеҳиёни бо атоҳо таъмингардида дар хизмати фаъолона иштирок мекунанд, онҳо *дар ҳар чиз ба Масеҳ нашъунамо мекунанд.* Ҳадаф ва объекти ин нашъунамо Масеҳ аст, муҳити он *ҳар чиз.* Дар ҳар соҳаи зиндагии худ масеҳӣ боз бештар ва бештар ба Ӯ монанд мешавад. Бадан ҳар қадар тез-тез ба дастурҳои Сарвари худ итоат кунад, симои Масеҳ, ки онро ба ҷаҳон зоҳир мекунад, ҳамон қадар аниқтар хоҳад шуд.

**4,16** Худованд Исо на танҳо мақсади ин нашъунамо, балки сарчашмаи он низ мебошад. *Аз Ӯ тамоми Бадан нашъунамо меёбад.* Бадан аз ҳамаи аъзоёни ба ҳамдигар алоқаманди он *мустаҳкам ва пайваст мешавад.* Ин онро ифода мекунад, ки ҳар як узв ба ҷои барояш муқарраршуда пурра мувофиқат мекунад, вазифаҳояшро иҷро мекунад ва бо ҳамаи узвҳои дигар зич алоқаманд аст, барои ҳамин ҳам якҷоя онҳо организми зиндаи мукаммалро ташкил медиҳанд. Сипас оид ба аҳамият, ҳатто ивазнопазирии ҳар яке аз узвҳо гуфта мешавад: *бо амали ҳар андоми ҷудогона ба андозаи хоси он мустаҳкам ва пайваст шуда.* Бадани инсон асосан аз устухонҳо, узвҳои дарунӣ ва гӯшт иборат аст. Устухонҳо байни худ бо буғумҳо ва пайҳо пайваст шудаанд, узвҳои дарунӣ ҳам бо пайҳо баста шудаанд. Ҳар як буғум ва пай дар нашъунамо ва кори бадан нақши бузург мебозад. Дар *Бадани* Масеҳ низ ҳамчунин. Ягон узви нолозим нест, ҳар масеҳӣ, ҳатто содатарин, ивазнопазир аст.

Ҳангоме ки ҳар масеҳӣ нақши барояш муқарраршударо иҷро мекунад, *Бадан* чун ягонагии комили мутаносиб, бо алоқаи дутарафаи мустаҳкамшуда нашъунамо меёбад. *Бадан* дар ҳақиқат *нашъунамо меёбад, то ки худро обод кунад,* агарчи ин хеле ҳайратовар садо медиҳад. Ин фақат онро ифода мекунад, ки худи *Бадан* боиси нашъунамо мегардад, ҳангоме ки аъзоёни вай Навиштаи Муқаддасро меомӯзанд, дуо мегӯянд, Худоро ситоиш менамоянд ва дар бораи Масеҳ шаҳодат медиҳанд. Чунон ки Чафер гуфтааст: «Дар нашъунамои ҳам Ҷамоат, ҳам бадани одам худинкишофёбӣ ҳаст». Лекин ин на танҳо *нашъунамо* дар андоза, балки *обод кардани худ дар муҳаббат* аст. Дар ин ҷо оид ба ғамхории аъзоён нисбати якдигар гуфта мешавад. Дар Масеҳ буда ва вазифаи ба ҳар яки онҳо муайяншударо иҷро карда, масеҳиён дар *муҳаббат* ва ягонагӣ ба якдигар боз ҳам наздиктар мешаванд.

## В. Даъват ба ахлоқи нав (4,17–5,21)

**4,17** Дар ин қисм, ки бо ояти 5,21 ба охир мерасад, расул масеҳиёнро ба қабули ахлоқи нав даъват мекунад. *Дар Худованд,* яъне бо қудрати Ӯ, *шаҳодат дода,* Павлус аз масеҳиён хоҳиш мекунад, ки зиндагии гузаштаи худро чун либоси ифлос ба як сӯ гузошта, эътибор ва некӯии Худованд Исои Масеҳро дар бар кунанд. Онҳо дигар набояд чун *бутпарастон рафтор кунанд.* Охир онҳо дигар *бутпараст* нестанд, балки масеҳиянд. Бинобар ин дар зиндагии онҳо бояд тағйиротҳои муносиб ба амал оянд. Павлус медид, ки ҷаҳони ғайримасеҳӣ ба ботлоқи ҷаҳолат фурӯ рафта, боз ҳам бештар завол меёбад. Ҳафт хислати даҳшатнок бутпарастонро тавсиф мекунанд. Онҳо чунинанд:

Онҳо *бемақсад* буданд. Онҳо *аз рӯи хаёлоти ҳеҷу пучи худ* мезистанд. Ҳаёти онҳо бемаънӣ, бемақсад ва бесамар буд. Фаъолияти пурҷӯшу хурӯши зоҳирии онҳо беҳбудӣ намеовард. Онҳо аз пайи соя ва ҳубобҳои собун шуданро аз ҳақиқатҳои бузурги ҳаётӣ афзал медонистанд.

**4,18** Онҳо *нобино* буданд. *Ақлашон тира гардида,* кӯр-кӯрона дар ҷаҳони хаёлӣ мезистанд. Аввалан онҳо қобилияти модарзоди фаҳмидани ҳақиқатҳои рӯҳониро надоштанд, ва баъд Худованд онҳоро кӯр кард, зеро онҳо донишро оид ба Худои ҳақиқӣ рад карданд.

*Бехудоӣ.* Онҳо *аз ҳаёти Худо бегона шуда* буданд, аз Ӯ хеле дур меистоданд.

Ҷаҳолати худсаронаи чуқур решадавонда ва дилсахтӣ боиси ин шуд. Онҳо нури Худоро ки дар бораи он ҳам офариниш, ҳам виҷдони онҳо мегуфт, рад карданд ва ба бутпарастӣ рӯ оварданд. Аз худи ҳамон лаҳза онҳо аз Худо боз дуртар ва дуртар мерафтанд.

**4,19** *Беҳаёӣ.* Онҳо беҳис шуданд. В. К. Райт шарҳ медиҳад:

*Моул ин суханонро чун «дардро ҳис намекарда шуданд» тарҷума намудааст. Ин ба бисёр чизҳо далолат мекунад! Ҳангоме ки одам бори аввал бар хилофи виҷдон рафтор мекунад, дилаш ба дард меояд, овози дохилӣ бошад баланд эътироз мекунад. Лекин агар овози виҷдонро доимо хомӯш кунед, пас он боз сусттар ва пасттар мегардад, эътироз пахш карда шуд, дард дигар он қадар тез нест ва ана акнун одам то ба дараҷае расид, ки беҳис шуд.*[28]

*Бадахлоқӣ.* Онҳо бошуурона *ба бадахлоқӣ,* яъне ба фисқу фуҷур *дода шуданд.* Гуноҳи асосии бутпарастон бадахлоқии ҷинсӣ буд ва мемонад. Онҳо ба фисқу фасоди бемисл фурӯ мерафтанд; деворҳои Помпея аз шармандагӣ ва гум кардани ҳисси одоб нақл мекунанд.

Худи ҳамин гуноҳҳо имрӯз ҳам дар ҷаҳони бутпараст ҳукмрон аст.

*Ношоистагӣ.* Дар бадахлоқии ҷинсӣ онҳо *ҳар кори нопокро ба ҷо меоварданд.* Онҳо бо ваҷд ба тамоми навъҳои ношоистагӣ дода мешуданд, гӯё *бадахлоқӣ* кори ҳаёти онҳо бошад.

*Ҳарисӣ.* Ба онҳо ҳамеша кам буд. Онҳо ҳеҷ гоҳ қонеъ набуданд. Гуноҳи содиршуда дар онҳо хоҳиши таскиннопазири аз нав такрор намудани онро ба вуҷуд меовард.

**4,20** *Масеҳ,* ки Ӯро эфесусиён шинохтанд ва дӯст доштанд, аз онҳо то чӣ андоза фарқ мекунад! Ӯ таҷассуми покӣ ва покдоманӣ буд. Ӯ гуноҳро намедонист, Ӯ гуноҳ намекард, дар Ӯ гуноҳ набуд.

**4,21** *Дар ҳоле ки Ӯро шунидаед ва дар ӯ таълим гирифтаед.* Ҳамаи он касоне ки оид ба Масеҳ *шунида* ва аз Ӯ *таълим гирифта* буданд, Ӯро чун худи таҷассуми покӣ ва парҳезгорӣ шинохтанд. Оид ба Масеҳ *шунидан* ин ҷо маънои бо имон Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул карданро дорад. Ифодаи *«дар Ӯ таълим гирифтанд»* ба дастуре дахл дорад, ки эфесусиён онро ҳангоми дар мушоракати зич бо Масеҳ зистан гирифтанд. Блейкӣ зикр мекунад: *«Муносибатҳои шахсӣ бо Исо ба ҳар ҳақиқат тобиши нав, хусусияти нав медиҳанд. Берун аз шахсияти Масеҳ ҳақиқат камқувват аст».*[29] *Аз рӯи ростие ки дар Исо аст.* Ӯ на танҳо ҳақиқатро таълим медиҳад, Ӯ ҳақиқати таҷассумёфта аст (Юҳ. 14,6). Номи «Исо» моро ба ақиб мебарад, ба зиндагии Ӯ дар замин. «Исо» номи Ӯ дар таҷассум аст. Он зиндагии бенуқсон, ки Ӯ чун Одам дар замин ба сар мебурд, ба тарзи зисти бутпарастон, ки ҳозир онро Павлус тасвир намуд, мухолиф аст.

**4,22** Дар мактаби Масеҳ мо мефаҳмем, ки ҳангоми имон овардан мо *рафтори пештараи одами кӯҳнаро, ки дар шаҳватҳои дилфиреб фосид мешавад, аз худ дур* кардем.[30] *Одами кӯҳна* ҳамаи он чизест, ки одам то тавба кардан чун фарзанди Одам ифода мекунад. Ин ҷо фисқу фуҷур чун натиҷаи тағофул ба хоҳишҳои назарфиреб ва ифлос ҳукмрон аст, ки ҳузуру ҳаловат ва хушбахтӣ ваъда мекунанд, вале баъд аз худ танҳо ноумедӣ ва нафратро боқӣ мегузоранд. Агар гап дар бораи мартаба дар Масеҳ равад, *одами кӯҳнаи* масеҳӣ бо Масеҳ ба салиб кашида шуда, дафн шуда буд. Дар ҳаёти ҳаррӯза масеҳӣ бояд онро мурда ҳисоб кунад. Ин ҷо Павлус оид ба он ҷанбаи ин ҳақиқат, ки ба мавқеи мо дахл дорад, сухан меронад: мо *одами кӯҳнаро* қатъиян дур кардем.

**4,23** Ҳақиқати дуюм, ки онро эфесусиён дар пеши пои Исо ёд гирифтанд, он аст, ки онҳо *дар Рӯҳи хиради* худ *тоза* шуданд. Ин ҷо тағйиротҳои асосӣ дар тарзи тафаккури онҳо, гузариш аз андешаҳои ифлос ба андешаҳои пок дар назар аст. Бо қувваи Рӯҳулқудс масеҳӣ оид ба ҳама чиз на аз нуқтаи назари одамони ҳалокшаванда, балки аз нуқтаи назари Худо муҳокима намуданро сар мекунад.

**4,24** Дарси сеюми аз худ кардаи онҳо он аст, ки онҳо қатъиян *одами навро дар бар* карданд. *Одами нав* он касест, ки масеҳӣ дар Масеҳ мебошад. Ин офаридаи навест, ки дар он ҳама чизи кӯҳна гузашт ва ҳама чиз нав гардид (2Қур. 5,17). *Одами нав ба сурати Худо,* яъне ба монанди Ӯ, *офарида шудааст.*

Он дар *росткорӣ ва муқаддасии* ҳақиқӣ зоҳир мегардад. Дар зери мафҳуми росткорӣ муносибати нек ба дигар одамон дар назар дошта мешавад. *Муқаддасӣ* бошад, чунон ки Ф. В. Грант қайд кардааст, *«он муносибат бо Худост, ки ба Ӯ имкон медиҳад ҷои ҳаққан сазоворро ишғол намояд».*[31]

**4,25** Павлус аз мавқеи масеҳиён ба тарзи зисти онҳо мегузарад. Акнун, ҳангоме ки онҳо одами кӯҳнаро дур карда, ба воситаи ягонагӣ бо Масеҳ одами навро дар бар намуданд, ин тағйироти ҳайратангез дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо низ бояд инъикос ёбад.

Чунин тағйирот рӯй медиҳад, агар дар аввал онҳо *дурӯғро аз худ бадар кунанд* ва росткориро дар бар кунанд. Дар зери мафҳуми *дурӯғ* ин ҷо ҳар гуна шакли бевиҷдонӣ фаҳмида мешавад: ҳақиқатро обуранг додан, муболиға, фиребгарӣ, ба ҷо наовардани ваъдаҳо, ошкоркунии сирри бегонагон, хушомад ё гардантобӣ аз пардохти андозҳо. Каломи масеҳӣ бояд комилан боэътимод бошад. «Ҳа» гуфтани ӯ бояд «ҳа» бошад, «не» бошад «не». Ҳангоме ки масеҳӣ ақаллан як қадам аз ростӣ дур шавад, ҳамон лаҳза аз рӯи Навиштаи Муқаддас зистанро қатъ мекунад.

Мо вазифадорем ба ҳама рост гӯем. Ба ҳар ҳол, оид ба *ёр* сухан ронда, Павлус пеш аз ҳама масеҳиёнро дар назар дошт. Ин аз сабаби баъд аз ин меовардаи вай равшан намоён аст: *чунки мо узвҳои якдигарем* (ниг. Рум. 12,5; 1Қур. 12,12-27). Фарз кардани он ки як масеҳӣ ба масеҳии дигар дурӯғ гуфта метавонад,

ҳамчунин бемаънист, чунон ки яке аз асабҳо ба майна маълумоти бардурӯғ мефиристад, ё чашм хатари наздикшавандаро дида, инро аз бадан пинҳон мекунад.

**4,26** Навшавии амалӣ он соҳаи ҳаёти моро низ, ки ба *хашми* гуноҳкорона ва ба *хашми* тақводорона дахл дорад, набояд барканор гузорад. Вазъиятҳое мешаванд, ки хашми масеҳӣ тақводорона аст, агар касе, масалан, хислати Худоро зери шубҳа гузорад. Дар ин ҳолатҳо, мегӯяд Павлус, *хашмгин шавед.* Хашме ки зидди бадӣ равона карда шудааст, тақводорона буда метавонад. Лекин вазъиятҳое мешаванд, ки хашмгин шудан гуноҳ аст. Ғазабе ки аз паси он адоват, ҳасад, интиқомҷӯӣ, ранҷиш ё нафрат барои дарди расонида ниҳон аст, манъ аст. Аристотел гуфтааст: «Ҳар кас хашмгин шуда метавонад, ин хеле осон аст. Лекин дар лаҳзаи зарурӣ фурӯ резонидани миқдори зарурии ғазаб барои мақсади зарурӣ ва ба тарзи зарурӣ – ана ин осон нест».

Агар масеҳӣ ба ғазаби беадолат роҳ диҳад, вай бояд ин гуноҳро эътироф намояд ва онро тарк кунад. Вай онро бояд ҳам ба Худо, ҳам ба қурбонии ғазаби худ эътироф кунад. Парваридани ранҷиш, андешидани нақшаҳои қасосгирӣ, парвариши ҳиссиёти бад набояд ҷой дошта бошад. *Нагузоред, ки хашми шумо то ғуруби офтоб боқӣ монад.* Аз ҳама чизе ки робитаи моро бо Худо ва бародарони мо тира мекунад, фавран халос шудан лозим аст.

**4,27** Гуноҳҳои эътирофнашуда ба *иблис* баҳона, замина медиҳанд, ки вай аз он ҷо ҳуҷумро аз нав ташкил дода метавонад. Вай метавонад бе ёрии мо ҳам бисёр чунин ҷойҳоро ёбад. Бинобар ин мо набояд дар ҳаётамон ҳузур доштани ҳасад, адоват, ғазаб ё нафратро сафед кунем. Ин гуноҳҳо шаҳодати масеҳиро бадном мекунанд, барои беимонон монеа мешаванд, масеҳиёнро таҳқир мекунанд, ба солимии рӯҳонӣ ва ҷисмонии мо зарар мерасонанд.

**4,28** Акнун Павлус ба маркази диққати мо ду тарзи рафтори ба якдигар мухолифро мегузорад: дуздӣ ва саховатмандӣ. Одами кӯҳна медуздад; одами нав аз чизи худ ба дигарон медиҳад. Одами кӯҳнаро дур кунед; одами навро дар бар кунед! *«Касе ки дуздӣ кардааст, дигар дуздӣ накунад»* гуфта ба масеҳиён муроҷиат кардани Павлус мухолифи ҳар гуна тасаввурот оид ба масеҳиён чун офаридаҳои комил ва бегуноҳ аст. Дар онҳо ҳанӯз ҳам табиати кӯҳна, бад, худбинона ҳаст, ки онро дар ҳаёти ҳаррӯза мурда ҳисобидан лозим аст. Дуздӣ қиёфаҳои зиёд дорад: аз дуздии ҳамён то напардохтани қарз, шаҳодат оид ба Масеҳ дар вақти кор, асардуздӣ, сохтакорӣ дар ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва аз тарозуи харидор задан. Албатта, дар ин манъи дуздӣ ҳеҷ чизи нав нест; дуздиро шариати Мусо ҳам манъ мекард (Хур. 20,15). Ин суханонро чизи дигар ба таври беназир масеҳиёна мекунад. Мо бояд на танҳо аз дуздӣ парҳез намоем, балки низ бо ҳар *кори* ҳалол машғул шавем, то аз дороии худ ба шахси камбизоаттар дода тавонем. Қувваи муқаддасӣ дар файз аст, на дар шариат. Фақат қувваи мусбати файз дуздро ба накӯкор табдил дода метавонад.

Ин аслан корро дигар мекунад. Барои қонеъ кардани талабот ва хоҳишҳои худ кор кардан ба одам ҳамеша табиӣ буд. Бо афзудани даромад талабот ҳам меафзояд. Ҳама чиз дар ҳаёти вай дар атрофи «ман»-и шахсӣ давр мезанад. Дар худи ҳамин оят ба мо пешниҳод мешавад, ки нисбати кор нуқтаи назари наҷибонатар ва олитар дошта бошем. Вай ба мо маблағеро меоварад, ки имкон медиҳад ба оилаамон даромади хоксорона таъмин намоем ва *эҳтиёҷи* рӯҳонӣ ва моддии дигаронро дар дохили кишвар ва берун аз он беҳтар кунем. Ва ин *эҳтиёҷ* дар ҳақиқат бузург аст!

**4,29** Акнун расул, бесамарро ба пандомез муқобил гузошта, ба сухангӯии масеҳӣ дахл мекунад. Дар зери мафҳуми *сухани бад* бештар аз ҳама суханони ифлос ва беодобонаро мефаҳманд; шӯхиҳо ва ҳодисаҳои бешармона, куфр ва бадзабонӣ низ ба ҳамин ҷо дахл доранд. Вале ин ҷо ин ифода маънои хеле васеътаре дорад ва ҳар гуна суҳбати беҳуда, кӯтоҳандешона, сарсариро ишора менамояд. Аниқ дар бораи дағалӣ ва бадзабонӣ Павлус дар 5,4 сухан меронад; ин ҷо бошад вай ба мо маслиҳат медиҳад, ки онро бо суҳбати пурмазмун иваз намуда, ҳарзаи беҳударо тарк кунем. Сухангӯии масеҳӣ бояд чунин бошад:

*Пандомез.* Натиҷаи он бояд дар имон устувор гардонидани шунавандагон бошад.

*Бамаврид.* Он бояд ба вазъият мувофиқат кунад.

*Пурилтифот.* Он бояд ба шунавандагонаш файз бахшад.

**4,30** *Ва Рӯҳулқудси Худоро, ки бо Он ба интизори рӯзи халосӣ муҳр зада шудаед, андӯҳгин накунед.* Агар ин оятро чун давоми ояти пешина дида бароем, пас хулоса кардан мумкин аст, ки ҳарзаи беҳуда Рӯҳро андӯҳгин мекунад. Онро бо оятҳои 25-28 пайваста, мо мебинем, ки дурӯғ , ғазаби беадолатона ва дуздӣ низ ба Ӯ дард меоваранд. Агар ин оятро ба маънои хеле васеътар гирем, пас он ба мо аз ҳама чизе ки Ӯро андӯҳгин мекунад, парҳез карданро таълим медиҳад. Барои ин се сабаби асоснок ҳаст:

1. Ӯ Рӯҳулқудс аст. Ба Ӯ ҳама чизе ки муқаддас нест, манфур мебошад.
2. Ӯ Рӯҳулқудси *Худо,* узви Ваҳдати Сегонаи Худост.
3. Мо бо Ӯ *ба интизори рӯзи халосӣ* муҳр зада шудаем. Чунон ки ёдрас шуда буд, муҳр оид ба ҳуқуқи молу мулк ва бехатарӣ шаҳодат медиҳад. Ӯ он муҳрест, ки таъмини амнияти моро кафолат медиҳад, то он лаҳзае ки Масеҳ барои мо бармегардад ва наҷоти мо пурра мешавад. Ҷолиби диққат аст, ки Павлус ба бехатарии абадии масеҳӣ чун ба яке аз муътабартарин водоркунандаи гуноҳ накардан ишорат мекунад.

Он далел, ки Рӯҳулқудс андӯҳгин шуда метавонад, ба он ишорат мекунад, ки Ӯ на фақат таъсир, балки Шахсият аст, ва Ӯ моро дӯст медорад: охир фақат он касеро, ки дӯст медорад, андӯҳгин кардан имкон дорад. Хизмати дӯстдоштаи Рӯҳулқудс Масеҳро ситоиш кардан ва масеҳиро ба сурати Ӯ дигаргун кардан аст (2Қур. 3,18). Вақте ки масеҳӣ гуноҳ мекунад, Рӯҳулқудс маҷбур аст ин хизматро тарк кунад ва бо хизмати барқароркунӣ машғул шавад. Дидани он ки гуноҳ нашъунамои рӯҳонии масеҳиро қатъ кардааст, барои Ӯ дарднок аст. Он гоҳ Рӯҳ масеҳиро ба тавба ва эътирофи гуноҳ бояд оварад.

**4,31** Ҳамаи гуноҳҳоеро, ки худдорӣ накардан ва бадзабонӣ боиси онҳо мешаванд, *дур* кардан лозим аст. Расул баъзе аз онҳоро як-як номбар мекунад. Ҳарчанд мо имконияти аниқ тасвир кардани ҳар якеро надорем, лавҳаи умумӣ то дараҷае фаҳмост.

*Талхӣ* – ранҷиши пинҳон кардашуда, бахшидан нахостан, алам.

*Хашм* – хуруҷи ғазаб, хурӯши эҳсос.

*Ғазаб* – серғурбатӣ, кина, хусумат.

*Фарёд* – бонги ғазаболуд, чанҷоли шадид, кӯшиши бо дод задан пахш кардани ҳариф.

*Бадгӯӣ* – таҳқир, дашном, буҳтон.

*Бадӣ* – ба дигарон бадӣ хостан, кина, разолат.

**4,32** Аз гуноҳҳои дар боло номбаршуда қатъиян халос шудан лозим аст; фазои холӣ бояд бо сифатҳои ба Масеҳ хос пур карда шавад. Аввалиҳо нуқсонҳои табиӣ мебошанд, дуюмиҳо некӯкориҳои фавқуттабиӣ.

*Меҳрубонӣ* – ғамхории фидокорона ба хотири хайрияти дигарон, хоҳиши ёрӣ додан, ҳатто агар барои ин фидоркорӣ кардан лозим бошад.

*Дилсӯзӣ* – шавқи пурмуҳаббат, нозук ва пур аз шафқат ба дигарон, омодагӣ ба бурдани бори онҳо .

*Бахшидан* – омодагӣ ба бахшидани дигарон, чашм пӯшидан ба зарари шахсан ба шумо расонидашуда, накашидани нақшаҳои интиқом.

Рафтори худи Худо намунаи бузургтарини чунин афв аст. Асоси афви Ӯ кори Масеҳ дар Ҷолҷолто аст. Мо объекти нолоиқи он ҳастем. Худо ҳеҷ гоҳ гуноҳро бахшида наметавонист, агар он бояду шояд бозхарид нашуда мебуд. Дар муҳаббати Худ Ӯ он баҳои баландеро, ки росткории Ӯ талаб мекард, пардохт. Худо *дар Масеҳ,* дар Шахсият ва меҳнати Ӯ асоси қонуниро барои бахшидани мо ба даст овард.

Ӯ ба мо қарзи миллиониро бахшид ва бинобар ин мо ҳам дигаронро мебахшем, вақте ки онҳо аз мо якчанд фулус қарздоранд (Мат. 18,23-28).

Ленскӣ маслиҳат медиҳад:

*Дар худи ҳамон лаҳзае ки одам ба ман бадӣ мекунад, ман ӯро бояд бахшам. Он гоҳ рӯҳи ман озод хоҳад шуд. Агар ман ба дил кина гирам, бар зидди Худо ва бар зидди дилозор гуноҳ мекунам, омурзиши Худоро зери хатар мегузорам. Оё ин одам тавба мекунад, оё ба ислоҳ кардани дарди расонидааш мекӯшад, оё аз ман бахшиш мепурсад ё не – ҳамаи ин аҳамият надорад. Ман фавран вайро бахшидам. Вай бояд бо бадии содиркарда бар дӯш назди Худо ҳозир шавад, лекин ин кори вай ва Худост, на кори ман, ба истиснои он ки мувофиқи Инҷили Матто 18,15 ва дигарон ман бояд ба вай ёрӣ диҳам. Лекин ин муяссар мешавад ё не, ва ҳатто то чунин рафтор карданам ман бояд вайро бубахшам.*[32]

**5,1** Намунаи омурзиши Худо дар 4,32 асосест барои панди минбаъдаи Павлус. Вай фикри худро чунин вусъат медиҳад: Худо шуморо дар Масеҳ бахшид. *Ба Худо тақлид намуда,* ҳамдигарро бубахшед. Суханони *«чун фарзандони дӯстдошта»* ба сабаби аниқ далолат мекунанд. Дар симои фарзандони дар оилаи муқаррарӣ зодашуда монандии оилавӣ дида мешавад, онҳо бояд ба ҳар тарз кӯшиш намоянд, ки шарафи оилаи худро паст накунанд. Дар оилаи рӯҳонӣ бошад фарзандон бояд ба ҷаҳон сурати Падарро зоҳир намоянд ва кӯшиш кунанд, ки сазовори унвони *фарзандони дӯстдоштаи* Худо зиндагӣ кунанд.

**5,2** Мо бо он ҳам ба Худованд монанд мешавем, ки *дар муҳаббат рафтор* мекунем. Оят шарҳ медиҳад, ки *дар муҳаббат рафтор кардан* – худро баҳри дигарон фидо карданро ифода мекунад. Масеҳ низ, ки бузургтарин намуна барои тақлид аст, маҳз чунин рафтор намуд. Аз ақл берун! Ӯ моро дӯст медошт. Исботи ин муҳаббат он аст, ки Ӯ Худро барои мо дар салиби Ҷолҷолто таслим намуд.

Атои Ӯ ҳамчун *ҳадия ва қурбонӣ ба Худо* тасвир мешавад. *Ҳадия* ҳама чизест, ки мо ба Худо медиҳем; *қурбонӣ* илова бар ин ба ҳузури марг низ ишора мекунад. Ӯ *қурбонии* ҳақиқии сӯхтани пурра буд, ки ҳатто то дами марг дар салиб бо тамоми вуҷуд ба хости Худо содиқ буд. Қурбонии садоқати комили Ӯ ҳамчун *бӯи хуш* баланд бардошта мешавад. Ф. Б. Мейер шарҳ медиҳад: *«Муҳаббати ин қадар бепоён ва фидокорона ба онҳое ки тамоман лоиқ набуданд, осмонро бо бӯи муаттар пур кард, дили Худоро бошад – бо шодмонӣ».*[33]

Худованд Исо *Худро* барои дигарон *таслим намуда,* ба Худо мақбул шуд. Мо ҳам, худро баҳри дигарон қурбон карда, метавонем ба Худо хурсандӣ бахшем.

*Худовандо, бигзор мадад ба дигарон*
*Шиори зиндагии ман бошад!*
*Ёрӣ деҳ барои дигарон зиндагӣ кунам,*
*Чунон зиндагӣ кунам, ки Ту мезистӣ.*

Чарлз Д. Мейҷс

**5,3** Дар оятҳои 3 ва 4 расул ба мавзуи гуноҳҳои ҷинсӣ бармегардад ва аз муқаддасон қатъиян талаб мекунад, ки онҳоро тарк кунанд. Дар ибтидо вай якчанд шакли бадахлоқии ҷинсиро ёдрас мекунад.

*Фосиқӣ.* Ҳар боре ки фосиқӣ бо зинокорӣ (хиёнати заношӯӣ) дар як оят ёдовар карда мешавад, он алоқаи ҷинсии одамони хонадорнашударо ифода мекунад. Ҳангоме ки байни фосиқӣ ва зинокорӣ сарҳади муайян гузаронда намешавад, ин мафҳум яқинан тамоми шаклҳои фосиқии ҷинсиро ифода мекунад (калимаи «порнография», ки маънои таҳтуллафзияш «навиштани фаҳш» аст, аз калимае баромадааст, ки дар ин ҷо чун «фосиқӣ» тарҷума шудааст).

*Нопокиҳо.* Ин ҳам кирдори бадахлоқонаро ифода карда метавонад, вале аниқтараш ҳам суратҳои ифлос, китобҳои бешармона ва дигар маълумотҳои қабеҳро дар бар мегиранд, ки онҳо бо бадахлоқӣ даст ба даст мераванд ва оташи шаҳватро бармеангезанд.

*Тамаъкорӣ.* Ин мафҳум умуман чун хоҳиши пул доштан фаҳмида мешавад, вале дар ин ҷо ба хоҳиши таскиннаёбандаи берун аз робитаҳои издивоҷӣ қонеъ намудани талаботи ҷинсӣ дахл дорад. (Ниг. Хур. 20,17: «... зани ёратро ... тамаъ накун».)

Дар масеҳиён ҳамаи ин набояд ҳатто *зикр ёбад.* Бечуну чаро, чунин гуноҳҳо набояд ҳатто ҳамчун гуноҳҳое ёдовар шаванд, ки масеҳиён ба амал меоваранд. Онҳоро набояд бо оҳанге муҳокима кунем, ки моҳияти пургуноҳ ва нангини онро сабук мекунад. Хатари оид ба онҳо саҳлангорона сухан рондан ё ҷустани узр ба онҳо ҳаст. Ҳамчунин ба ҳукми одат даромадани муҳокимаҳои дуру дароз ва муфассали онҳо хатарнок аст. Павлус аҳамияти ин пандро бо ёрии ибораи *«чунон ки ба муқаддасон муносиб аст»* махсусан ишорат мекунад. Масеҳиён аз фисқу фасоди дар ҷаҳон ҳукмрон ҷудо карда шуда буданд; акнун бошад онҳо бояд аз рағбатҳои ифлос ҷудо шуданро ҳам дар сухан, ҳам дар амал татбиқ намоянд.

**5,4** Дар нутқи онҳо ишорае ҳам набояд бошад ба:

*Гуфтори зишт.* Дар зери ин ҳодисаҳои ифлос, шӯхиҳои аз одоб берун ва тамоми шаклҳои дигари бешармиҳо дар назар дошта мешаванд.

*Беҳудагӯӣ.* Ин ба ҳарзаи беҳудае дахл дорад, ки фақат сазовори камақлон аст. Ба ин ҷо забони махсуси кӯчагӣ ҳам дохил шуда метавонад.

*Шӯхии бемаънӣ.* Дар ин ҷо шӯхиҳо ва суҳбатҳои духӯра дар назар дошта шудаанд. Оид ба чизе суҳбат кардан, оид ба он шӯхӣ кардан, инро мавзуи доимии суҳбатҳои худ

кардан яъне инро дар шуури худ нақш бандондан, қадам ниҳодан сӯи истифодаи ин дар амал мебошад.

Оид ба гуноҳ шӯхӣ кардан хеле хатарнок аст. Ба ҷои забони худро барои суханони қабеҳ ва носазо истифода бурдан, масеҳӣ бояд бошуурона барои ҳамаи баракатҳо ва марҳаматҳои ҳаёт дар худ одати *шукргузорӣ* ба Худоро кор карда барояд. Ин ба Худо хурсандӣ ва ба рӯҳи шумо манфиат меоварад ва ба ҳамаи дигарон намунаи ибрат аст.

**5,5** Ҳеҷ шубҳае нест, ки Худо ба одамони бадахлоқ чӣ гуна муносибат мекунад: Онҳо *дар Подшоҳии Масеҳ ва Худо мерос* надоранд. Ин ҳукм мухолифи нуқтаи назари дар ҷаҳони имрӯза паҳнгашта мебошад, ки ҷинояткорони ҷинсӣ одамони бемор ва ба ёрии рӯҳшиносон эҳтиёҷдошта ҳастанд. Одамон мегӯянд, ки бадахлоқӣ беморист; Худо онро гуноҳ меномад. Одамон онро тағофул мекунанд; Худо сахт маҳкум мекунад. Одамон мегӯянд, ки роҳи халосӣ дар психоанализ мебошад; Худо онро дар зодашавии нав мебинад.

Сухан дар бораи се ҷинояткор меравад, ки дар ояти 3 буданд: дар бораи *фосиқ, нопок ва тамаъкор. Тамаъкор* ин ҷо боз *бутпараст* номида шудааст. Аввалан, вай барои он *бутпараст* номида шудааст, ки оид ба Худо тасаввуроти нодуруст дорад: вай Худоро мавҷуде меҳисобад, ки ҳирси шаҳвати ӯро пурра маъқул медонад, вагарна вай ба чунин шаҳватпараст будан ҷуръат намекард. Сониян, шаҳватпарастӣ барои он бутпарастӣ номида шудааст, ки хоҳиши одамро аз хоҳиши Худо болотар мегузорад. Сеюм, вай шакли парастиши махлуқро ба ҷои Офаридгор мегирад (Рум. 1,25).

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки чунин одамон *дар Подшоҳии Худо мерос* надоранд, вай маҳз ҳаминро дар назар дорад. Одамоне ки дар ҳаёташон ин гуноҳҳо ҳукмронанд, ҳалокшуда мебошанд ва ба дӯзах равона карда мешаванд. Онҳо на дар *подшоҳии* ноаён дар замони мо, на дар *Подшоҳии* ояндаи Масеҳ дар замин ҳисса надоранд; ба онҳо ба *Подшоҳии* ҷовидонӣ дар осмон ҳам роҳ пӯшида аст. Расул намегӯяд, ки ин ҳамон одамонеанд, ки ҳарчанд дар Подшоҳӣ бошанд ҳам, дар назди Курсии Доварии Масеҳ талафоти азим медиҳанд. Ин ҷо сухан на оид ба мукофот, балки оид ба наҷот меравад. Онҳо худро масеҳӣ номида метавонанд, аммо дар ҳаёти худ исбот мекунанд, ки ҳеҷ гоҳ наҷот наёфта буданд. Онҳо, албатта, наҷотро ба воситаи тавба кардан ва имон овардан ба Худованд Исо ба даст оварда метавонанд. Лекин, агар имон овардани онҳо ҳақиқӣ бошад, онҳо дигар ин гуноҳҳоро намекунанд.

Таваҷҷуҳ намоед, ки ибораи *«Подшоҳии Масеҳ ва Худо»* оид ба табиати илоҳии *Масеҳ* хабар медиҳад. Ӯ бо *Худо* Падар ҳамчун Ҳокими *Подшоҳӣ* ба як сатҳ гузошта шудааст.

**5,6** Одамони сершумор дар ҷаҳон ба бадахлоқии ҷинсӣ боз тоқатпазиртар ва саҳлгиртар муносибат намуданро сар мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки хоҳишҳои ҷисмро қонеъ намудан зарур ва фоидаовар аст, фурӯнишонӣ бошад инкишофи шахсиятро бозмедорад. Онҳо мегӯянд, ки меъёрҳои ахлоқӣ махсули ҳамон фарҳангест, ки дар он мо зиндагӣ мекунем; ва азбаски алоқаи ҷинсии то никоҳ, берун аз никоҳ ва якҷинса (ки онҳоро Каломи Худо ҳамчун фисқу фуҷур, хиёнати заношӯӣ ва фасод маҳкум менамояд) дар фарҳанги мо шаклҳои қобили қабули рафтор мебошанд, пас онҳоро қонунӣ кардан лозим аст. Ҳайратовар аст, ки дар байни тарафдорони баландовозе ки гуноҳҳои шаҳвониро шакли табиии рафтор эътироф мекунанд, бисёр арбобони олимақоми ҷамоати масеҳӣ ҳастанд. Аъзоёни қатории он, ки ҳамеша бадахлоқиро бадахлоқӣ меҳисобиданд, суханони хизматгузорони машҳурро мешунаванд, ки гӯё нуқтаи назари мушобеҳ кӯҳна шудааст.

Набояд иҷозат дод, ки ин дурӯягӣ моро ба иштибоҳ андозад. *Зеро ки барои ин ғазаби Худо бар писарони саркашӣ меоянд.* Муносибати Худо ба гуноҳҳое, аз қабили фисқу фуҷур ва хиёнати заношуӣ аз Ададҳо 25,1-9 равшан намоён аст: бисту чор ҳазор исроилиён барои он кушта шуданд, ки бо занони Мӯоб гуноҳ карданд; муносибати Ӯ ба шаҳвати якҷинса аз он аён аст, ки Ӯ бар Садӯм ва Амуро кибрит ва оташ аз осмон боронд (Ҳас. 19,24.28).

Аммо ғазаби Худо на фақат дар чунин амалҳои фавқуттабиии ҷазо зоҳир мегардад. Ба онҳое ки ин гуноҳҳоро ба амал меоваранд, Ӯ ба таври дигар ҳамла меорад. Гуноҳ аз пайи худ хатари ҷисмонӣ, чун СПИД ва касалиҳои олоти таносулро меоварад. Ҳисси гуноҳ ба иллатҳои ақлӣ, асабӣ ва эҳсосотӣ меоварад. Дар шахсияти гуноҳкор тағйиротҳо ба амал меоянд – ҳомосексуалистон бештар ва бештар ба зан монанд мешаванд (Рум. 1,27). Ва албатта,

ҳамаи фосиқон ва зинокоронро дар охир доварии абадии Худо интизор аст (Ибр. 13,4). *Ба писарони саркашӣ* – ба насли беитоати Одам, ки бошуурона ба намунаи вай дар беитоатӣ ба Худо пайравӣ мекунанд, ҳеҷ гуна тараҳҳум нахоҳад буд (Ваҳй 21,8).

**5,7** Каломи Худо масеҳиёнро огоҳ менамояд, ки дар чунин амалҳои зидди Худо ҳеҷ шарикӣ накунанд. Чунин рафтор беобрӯ кардани номи Масеҳ, вайрон кардани ҳаёти дигарон, шаҳодати худро нест кардан, ба ҷазо гирифтор шудан аст.

**5,8** Барои тақвият додани қатъияти талаби худ расул дар ояти 7 дар шакли мухтасар муҳокима оид ба *торикӣ* ва *нурро* меоварад (ояти 8-14). Эфесусиён *замоне торикӣ буданд,* акнун бошад онҳо *нуре дар Худованд* гаштанд. Павлус намегӯяд, ки онҳо *дар торикӣ* буданд. Онҳо худи таҷассуми *торикӣ* буданд. Акнун ба воситаи ягонагӣ бо Худованд онҳо *нур* шуданд. Ӯ нур аст, онҳо бошанд дар Ӯ; бинобар ин онҳо акнун *нуре дар Худованд* мебошанд. Минбаъд рафтори онҳо ба мавқеи онҳо бояд мувофиқат кунад. Онҳо бояд *чун фарзандони нур рафтор кунанд.*

**5,9** Аз мавзуи асосӣ дур шуда, Павлус мефаҳмонад, ки ҳаёти онҳое ки чун фарзандони нур рафтор мекунанд, чӣ гуна *самар* меоварад. *Самари Рӯҳ*[34] аз тамоми шаклҳои *некӯӣ, росткорӣ ва ҳақиқат иборат аст. Некӯӣ* дар ин ҷо чун мафҳуми ҷомеъ барои ҳамаи зуҳуроти ахлоқи олӣ хизмат менамояд. *Росткорӣ* покии робитаи байни Худо ва одамонро ифода мекунад. *Ҳақиқат* бовиҷдонӣ, инсоф ва самимият аст. Онҳоро якҷоя гузоред ва шумо нури ҳаёти пур аз Масеҳро мегиред, ки дар зулмот медурахшад.

**5,10** Ҳамаи онҳое ки дар нур зиндагӣ мекунанд, на фақат самари дар ояти пешина навиштаро меоваранд, балки ҳис ҳам мекунанд, ки чӣ чизро *Худо меписандад.* Онҳо ҳар як фикр, ҳар як калима ва рафторро аз санҷиш мегузаронанд. Дар ин бора *Худованд* чӣ фикр дорад? Ин дар паҳлуи камолоти Ӯ чӣ гуна менамояд? Ҳама чиз тахти нури ин прожектор меафтад: сухбатҳо, сатҳи зиндагӣ, либос, китобҳо, тиҷорат, ҳаловат, вақтхушӣ, мебел, шиносоӣ, мошин, рухсатӣ ва варзиш.

**5,11** Масеҳиён набояд *дар амалҳои бесамари торикӣ иштирок кунанд* ё ба онҳо нармдилона ва бо таҳаммул муносибат кунанд. *Амалҳои торикӣ* на барои Худо *самар* меоваранд, на барои одамон. Маҳз ҳамин бесамарӣ замоне Павлусро водор кард, то аз румиён пурсад: «Пас он вақт чӣ самаре доштед? Корҳое мекардед, ки ҳоло аз онҳо шарм медоред ...» (Рум. 6,21). *Амалҳои торикӣ* ба ҷаҳони пардаҳои пӯшида, дарҳои бо калид қуфл кардашуда, ҳуҷраҳои пинҳонӣ тааллуқ доранд. Онҳо торикиро дӯст доштан ва нурро бад дидани ҳамаи касонеро, ки амалҳояшон бад аст, инъикос менамоянд (Юҳ. 3,19). Павлус масеҳиёнро даъват менамояд, ки на фақат аз *амалҳои бесамари торикӣ* парҳез кунанд, балки *онҳоро фош намоянд.* Барои ин онҳо ду восита доранд: зиндагӣ дар муқаддасӣ ва сухани фошкунанда, ки дар зери роҳбарии Рӯҳулқудс гуфта шудааст.

**5,12** Акнун расул мефаҳмонад, ки чаро масеҳӣ набояд бо бадахлоқӣ ягон умумият дошта бошад ва чаро бояд онро сарзаниш кунад. Ҳамаи гуноҳҳои даҳшатноке ки одамон пинҳонӣ ба амал меоваранд, барои шаъни онҳо он қадар паст мебошанд, ки онҳоро на фақат ба амал овардан, балки оид ба онҳо ҳатто *сухан рондан ҳам нанговар аст.* Тамоми шаклҳои ғайритабиии гуноҳҳое ки одамон ихтироъ кардаанд, чунон манфуранд, ки худи тасвири онҳо ақлҳоро ҳаром мекунад. Бинобар ин ба масеҳӣ фармуда шудааст, ки ҳатто аз суҳбат оид ба онҳо парҳез намояд.

**5,13** Ҳама чизе, ки дар торикӣ пинҳон аст, *дар нур намоён мешавад.* Ҳамчунин дар заминаи ҳаёти масеҳӣ тамоми пургуноҳии ҳаёти одамони аз олами боло зоданашуда намоён аст. Суханони маломати мувофиқ инчунин моҳияти ҳақиқии гуноҳро фош мекунанд.

Блейкӣ чунин мисол меоварад:

*Мисолеро дида мебароем, ки Худованди мо риёкории фарисиёнро сарзаниш мекард. Пештар рафтори онҳо маломати казоии шогирдонро ба вуҷуд намеовард, аммо ҳангоме ки Масеҳ фарисиёнро ба нури равшани ҳақиқат гузошт, хислати ҳақиқии онҳоро ба ҳама намоён шуд – он ба ғайр аз нафрат дигар ҳеҷ чизро ба вуҷуд оварда наметавонист.*[35]

*Зеро ҳар он чи намоён мешавад, нур аст.* Ин онро ифода мекунад, ки ҳангоме масеҳиён хизмати худро чун нур ба ин ҷаҳон мебаранд, дигарон ҳам ба нур меоянд. Ба туфайли хизмати фошкунандаи *нур* одамони бадахлоқ ба фарзандони нур табдил меёбанд.

Дар ин қоида, албатта, истисно ҳам ҳаст. На ҳар кадоми онҳое ки ба нур гузошта шуда буданд, масеҳӣ мешаванд. Аммо дар ҷаҳони рӯҳонӣ маъмул гардидааст, ки нур роҳи аз нав ба вуҷуд овардани худро меёбад. Намунаи амали ин қонунро мо дар 1Петрус 3,1 меёбем. Он ҷо ба занони масеҳӣ гуфта мешавад, ки онҳо метавонанд бо ибрати шахсӣ ба шавҳарони беимони худ дар ёфтани роҳ сӯи Масеҳ ёрӣ диҳанд: «Ҳамчунин шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед, то ки, агар баъзе аз онҳо мутеи калом набошанд, ба воситаи рафтори занон бе сухан тобеъ гарданд». Ҳамин тариқ, нури занони масеҳӣ бар зулмоти шавҳарони бутпараст ғолиб мебарояд ва онҳо *нур* мегарданд.

**5,14** Ҳаёти масеҳӣ ҳамеша бояд Хушхабарро мавъиза намояд, зулмоти атрофро фош кунад, беимононро даъват кунад:

*«Эй ту, ки хоб рафтаӣ,*
*Бархез ва аз мурдагон эҳё шав,*
*Ва Масеҳ бар ту нур хоҳад пошид».*

Ин овози нур ба онҳое равона шудааст, ки дар торикӣ, дар марги рӯҳонӣ хобидаанд. Нур онҳоро ба ҳаёт ва мунаввар шудан даъват мекунад. Агар онҳо ин даъватро қабул кунанд, *Масеҳ* онҳоро бо дурахши Худ мунаввар мекунад ва ба онҳо *нур* медиҳад.

**5,15** Дар ҳафт ояти минбаъда суханони маломат ва ҳавасмандкуниро истифода бурда, Павлус қадамҳои аҳмақонаро ба рафтори эҳтиёткорона муқобил мегузорад. Дар ибтидо даъвати умумӣ ба хонандагон меояд, ки *на чун бехирадон, балки чун хирадмандон рафтор намоянд.* Чунон ки зикр шуда буд, дар ин Нома феъли «рафтор намудан» яке аз феълҳои асосӣ мебошад, вай якчанд маротиба ёдрас мешавад ва тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти одамро тасвир мекунад. *Нигоҳ карда, бо диққат рафтор намудан* яъне дар нури мартабаи мо чун фарзандони Худо зистан аст. *Чун бехирадон рафтор намудан* – аз ин баландиҳо то дараҷаи рафтори одамони дунявӣ фаромадан аст.

**5,16** Онҳое ки хирадмандона рафтор мекунанд, имкониятҳои додашударо истифода бурда, *фурсатро ғанимат* хоҳанд *донист.* Ҳар рӯз ба мо дарҳои нави кушода, имкониятҳои нав меоварад. Он кас *фурсатро ғанимат медонад,* ки ҳаёташ пеш аз ҳама бо покӣ, бо корҳои меҳрубонона ва суханони ёрӣ таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб мекунад. *Бад будани* рӯзҳои мо ин пандро махсусан зарур мегардонад. Павлус ёдовар мешавад, ки Худо бо одамон ҷовидона мубориза намебарад: рӯзи файз ба охир мерасад ва имконият барои парастиш, шаҳодат ва хизматгузорӣ дар замин ба зудӣ ҳамешагӣ нест мешавад.

**5,17** *Бинобар ин,* мо бояд *нодон* набошем, *балки фаҳмем, ки хости Худо чист.* Ин хеле муҳим аст. Ҳангоми дидани бепоёнии бадӣ ва кӯтоҳии рӯзҳои мо васвасаи худсарона ба кор андохтани фаъолияти шиддатнок ва пурҷӯшу хурӯш бузург аст. Аммо ин фақат ба сарфи беҳудаи қувва оварда мерасонад. Дарк кардани хости Худо барои ҳар рӯз ва иҷро кардани он хеле муҳим аст. Танҳо ҳамон вақт меҳнати мо самаранок ва бобарор мешавад. Эҳтимолияти он ки мо дар хизмати масеҳӣ хости Худовандро ба як тараф дур андохта, андешаҳои худро ба сифати дастур қабул мекунем ва онро бо қувваи худ ба амал меоварем, хеле бузург аст. Роҳи ҳикмат – хости Худоро барои ҳаёти худ дарк кардан ва онро то охир иҷро намудан аст.

**5,18** *Ва масти май нашавед, ки аз он бадахлоқӣ ба амал меояд.* Дар кишварҳои зиёд чунин фармуда бениҳоят садамотӣ ва қариб зиёдатӣ ба ҳисоб меравад: охир парҳези пурра аз машрубот одати аксари масеҳиён гардидааст. Аммо бояд фаромӯш накунем, ки Навиштаи Муқаддас барои масеҳиёни тамоми ҷаҳон навишта шудааст ва дар бисёр кишварҳо шароб то ҳол чун қисми таом хеле паҳншуда аст. Навиштаи Муқаддас истеъмоли майро маҳкум намекунад, аммо суиистифодаи онро манъ мекунад. Вай ба сифати дору истифода бурдани майро тавсия менамояд (Мас. 31,6; 1Тим. 5,23). Худованд Исо дар базми арӯсӣ дар Қонои Ҷалил обро ба май табдил дод (Юҳ. 2,1-11).

Аммо истеъмоли май ба суиистеъмол табдил меёбад ва бинобар ин дар ҳолатҳои зерин манъ карда шудааст:

1. Вақте ки онро аз ҳад зиёд менӯшанд (Мас. 23,29-35).
2. Вақте ки истеъмоли он ба ҳукми одат медарояд (1Қур. 6,12).
3. Вақте ки ин барои масеҳии заифтаре монеа мешавад (Рум. 14,13; 1Қур. 8,9).
4. Вақте ки ин ба шаҳодати масеҳӣ зарар мерасонад ва ба ҳамин тариқ барои ситоиши Худо хизмат карда наметавонад (1Қур. 10,31).

5. Вақте ки масеҳӣ дар ин бобат баъзе шубҳаҳо дорад (Рум. 14,23).

Ба сифати алтернативаи истеъмоли май Павлус *аз Рӯҳ пур шуданро* тавсия менамояд. Якеро бо дигаре пайвастани расул моро дар аввал метавонад ба ҳайрат оварад, аммо ин ду ҳолатро муқоиса намуда, мо мебинем, ки чаро Павлус онҳоро паҳлу ба паҳлу мемонад.

Пеш аз ҳама, онҳо нишонаҳои муайяни умумӣ доранд:

1. Дар ҳар ду ҳолат одам зери таъсири қувваи берунӣ аст. Ин ё қувваи моеи масткунанда, ё қувваи *Рӯҳ* мебошад.
2. Дар ҳар ду ҳолат феъли одам пурҳарорат мешавад. Дар рӯзи Пантикост ҷидду ҷаҳдеро, ки бо ёрии *Рӯҳ* ба вуҷуд омада буд, иштибоҳан чун пурҳароратии аз майи нав атошуда қабул карданд (Аъм. 2,13).
3. Дар ҳар ду ҳолат гашти одам тағйир меёбад. Ҳам мастро, ҳам одами рӯҳан баландро аз рӯи он шинохтан мумкин аст, ки вай чӣ хел роҳ меравад: дар ҳолати якум дар гаштанаш дар кӯча, дар дуюм дар рафтори ахлоқии вай дар ҳаёт.

Аммо ду мавриди ба ҳам мухолиф будани ин ҳолатҳо ҳаст:

4. Майпарастӣ ба *бадахлоқӣ* ва ҷанҷол мебарад. Бо Рӯҳ пур шудан ба ҳаёти баландахлоқона.
5. Машруботро истеъмол намуда, одам иноони ихтиёрро аз даст медиҳад. Самари Рӯҳ бошад худназораткунист (Ғал. 5,23). Масеҳие ки аз Рӯҳ пур шудааст, ҳеҷ гоҳ аз тарафи Ӯ то ба чунин ҳолате расонида намешавад, ки рафтори худро назорат карда натавонад; рӯҳи пешгӯӣ ба пайғамбар ҳамеша итоаткор аст (1Қур. 14,32).

Баъзан Навиштаи Муқаддас *аз Рӯҳ пур шуданро* атои мустақили Худо меномад. Яҳёи Таъмиддиҳанда, масалан, аз шиками модари худ аз Рӯҳулқудс пур шуда буд (Луқ. 1,15). Дар ин сурат одам Ӯро бе иҷрои ягон шарти пешакӣ мегирад. Вай набояд барои ин меҳнат кунад ва дуо гӯяд; Худованд Ӯро чунон ки ба Ӯ маъқул аст, медиҳад. Дар ин ҷо бошад, дар Эфесусиён 5,18, фармоиши *аз Рӯҳ пур шудан* садо медиҳад. Яъне, масеҳӣ бояд иқдоме кунад, шартҳои муайянро иҷро намояд. Ин на худ аз худ, балки фақат дар натиҷаи фармонбардорӣ меояд.

Аз ҳамин сабаб байни аз Рӯҳ пуршавӣ ва дигар намудҳои хизмати Ӯ сарҳади муайян гузаронидан даркор аст. Он бо ҳеҷ як аз вазифаҳои зерини Ӯ айният надорад:

1. *Таъмид* бо Рӯҳулқудс. Ин ҳамон меҳнати Рӯҳулқудс мебошад, ки масеҳиро узви Бадани Масеҳ мекунад (1Қур. 12,13).
2. Дар масеҳӣ *сокин будан***.** Дар ин хизмат Пуштибон дар масеҳӣ сокин аст ва ба вай барои ҳаёти муқаддас, парастиш ва хизмат қувва медиҳад (Юҳ. 14,16).
3. *Тадҳин.* Худ ба Худ Рӯҳ он тадҳинест, ки ба фарзанди Худо ҳақиқатҳои Худовандро таълим медиҳад (1Юҳ. 2,27).
4. *Гарав ва муҳр.* Мо гуфта будем, ки ба сифати гарав Рӯҳулқудс мероси муқаддасонро кафолат медиҳад, ба сифати муҳр бошад Ӯ муқаддасонро барои мерос нигоҳ медорад (Эфс. 1,13.14).

Ин ҳамон намудҳои хизмати Рӯҳанд, ки дар одам дар лаҳзаи наҷот ёфтанаш амалӣ мегарданд. Ҳар касе ки дар Масеҳ аст, худ аз худ таъмид, сокин будан, тадҳин, гарав ва муҳр мегирад.

Аммо аз Рӯҳ пур шудан як чизи дигар аст. Ин на кадом як ҳиссиёти алоҳидаи дигаргуншавии қатъӣ дар ҳаёти шогирди Масеҳ, балки аниқтараш ҷараёни бардавом аст. Ин ҷараён метавонад аз ягон ҳиссиёти дигаргуншавии қатъӣ сар шавад, аммо баъд он бояд якзайл давом кунад. Агар Рӯҳ маро имрӯз пур кунад, ин маънои онро надорад, ки барои пагоҳ ҳам он ба ман кофист. Ва албатта, меарзад, ки ин ҳолатро аз таҳти дил хоҳон бошем. Охир он ҳолати идеалии масеҳӣ аст. Дар ин сурат Рӯҳулқудс метавонад нисбатан озодона ҳаёти масеҳиро роҳбарӣ намояд ва дар натиҷа масеҳӣ дар нақшаи Худо барои ин фосилаи вақт нақши худро иҷро менамояд.

Аммо масеҳӣ чӣ хел *аз Рӯҳ пур шуда* метавонад? Расул Павлус дар ин бора дар Нома ба Эфесусиён намегӯяд, вай фақат ба мо фармон медиҳад, ки аз *Рӯҳ пур* шавем. Вале аз ҷойҳои дигари Навиштаи Муқаддас мо мефаҳмем, ки барои аз *Рӯҳ пур* шудан мо бояд:

1. Ҳамаи гуноҳҳоеро, ки дар худ медонем, эътироф намоем ва тарк кунем (1Юҳ. 1,5-9). Комилан равшан аст, ки чунин Шахсияти пок дар он ҷое ки бо гуноҳ муросо мекунанд, озодона меҳнат карда наметавонад.

2. Пурра ба роҳбарии Ӯ итоат кардан (Рум. 12,1.2), яъне иродаи мо, хиради мо, бадани мо, вақти мо, истеъдоди мо ва сарвати моро пурра ба дасти Ӯ супурдан. Ҳар яке аз соҳаҳои ҳаёти мо бояд ба зери назорати Ӯ супурда шавад.
3. Ба Каломи Худо дар мо фаровон сокин шуданро иҷозат додан (Кул. 3,16). Ин хондани Калом, омӯзиши он ва итоат ба онро дар бар мегирад. Агар Каломи Худо дар мо фаровон сокин бошад, пас натиҷаи он (Кул. 3,16) баробари бо Рӯҳ пур шудан хоҳад буд (Эфс. 5,19).
4. Ниҳоят, мо бояд аз «ман»-и худ халос шавем (Ғал. 2,20). Барои бо чизи нав пур кардани зарф аввал бояд чизи кӯҳнаро аз он резем. Барои аз Ӯ пур шудан аввал бояд «ман»-и худро «резем».

Касе навиштааст:

*Айнан ҳамон тавре ки шумо замоне бори гуноҳи худро дур андохтед ва ба кори Масеҳ дар салиб умед бастед, ҳозир ҳам аз китфи худ бори хизмат ва ҳаёти худро гиред ва ба меҳнате ки Рӯҳулқудс дар шумо ба амал меоварад, умед бандед. Ҳар рӯз пурра ба Рӯҳулқудс бовар кунед ва оромона ва бо суханони мадҳ тамоми меҳнати идора кардани ин рӯзро ва рафторатонро ба дасти Ӯ супурда, ба он ҷое, ки Ӯ шуморо мебарад, равед. Дар давоми тамоми рӯз дар худ одати бо хурсандӣ ба Ӯ умед бастан ва ба Ӯ гӯш андохтанро парваред, аз Ӯ хоҳиш намоед, ки шуморо равона кунад, маърифатнок кунад, таълим диҳад ва сарзаниш кунад, истифода барад ва бо шумо ва дар даруни шумо он чи Ӯ мехоҳад, кунад. Ба меҳнати Ӯ чун ба далели баҳснопазир умед бандед, ҳарчанд шумо онро на дида, на ҳис карда метавонед. Биёед, кӯшиши бо ҳаёти худамон идора кардани худамонро ба як тараф гузошта, ба Ӯ чун ба ҳокими олии ҳаётамон имон меоварем ва итоат мекунем; ва он вақт дар мо самари Рӯҳ пайдо мешавад, ки боиси ҷалоли Худост.*

Оё одам медонад, ки кадом вақт вай *аз Рӯҳи* Худо *пур шудааст* ва кадом вақт не? Умуман, мо ҳар қадар ба Худованд наздик бошем, ҳамон қадар равшантар ношоистагии пурра ва пургуноҳии худро дарк менамоем (Иш. 6,1-5). Дар ҳузури Ӯ мо дар худ ҳеҷ чизи шоёни фахрро намебинем (Луқ. 5,8). Дар мо на ҳисси бартарияти рӯҳонии шахсӣ бар дигарон ҳаст, на эҳсоси он ки мо ба чизе ноил шудем. Масеҳие ки *аз Рӯҳ пур шудааст,* на бо худ, балки бо Масеҳ машғул аст.

Дар айни замон вай дарк карда метавонад, ки Худо дар ҳаёти вай ва ба воситаи он меҳнат мекунад. Вай мебинад, ки чизи фавқуттабиӣ чӣ хел рӯй медиҳад. Ба таври муъҷизаосо шароити мусоид ба вуҷуд меояд. Нури Худо дилҳоро мунаввар месозад. Ҳодисаҳо аз рӯи ҷадвали Худо рӯй медиҳанд. Ҳатто қувваҳои табиат тарафдори вай мебошанд; чунин менамояд, ки онҳо ба чархи аробаи Худованд васл карда шудаанд. Масеҳӣ ҳамаи инро мебинад ва дарк менамояд, ки Худо барои вай ва ба воситаи вай кор мекунад; бо вуҷуди ин вай чунин намеҳисобад, ки барои ин чиз сазовори мадҳ аст. Дар замири дил вай дарк мекунад, ки ҳамаи ин аз Худост.

**5,19** Акнун расул чаҳор натиҷаи аз Рӯҳ пур буданро номбар мекунад. Якум: масеҳиёне ки аз Рӯҳ пур ҳастанд, *ба якдигар бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ сухан мегӯянд.* Рӯҳи Худо ба забонҳо хоҳиши дар бораи чизҳои илоҳӣ сухан рондан, ба дилҳо бошад хоҳиши бо дигарон бо ҳам диданро медиҳад. Гарчанде баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ҳамаи се категория ба қисмҳои гуногуни китоби Забур тааллуқ доранд, мо тахмин мекунем, ки асарҳои дорои илҳоми илоҳии Довуд, Ософ ва дигар нависандаҳои таронаҳои Забур ин ҷо фақат зери мафҳуми *таронаҳои Забур* фаҳмида мешаванд. *Мадҳияҳо* мадҳияҳое мебошанд, ки бо илҳоми илоҳӣ эҷод нашудаанд, ва онҳо Худоро бевосита ҳамд мегӯянд ва ҷалол медиҳанд. *Сурудҳои рӯҳонӣ* ҳамаи дигар асарҳои шоирона ба мавзуъҳои динӣ мебошанд, гарчанде ки бевосита ба Худо равона карда нашудаанд.

Шаҳодати дуюми пур будан шодии дохилӣ ва мадҳ ба Худованд аст: *«дар дилҳои худ барои Худованд сароед ва тарона хонед».* Ҳаёти пур аз Рӯҳ чашмаест, ки аз шодӣ ҷӯш мезанад ва кафк мекунад (Аъм. 13,52). Чун намуна ба ин Закарё хизмат мекунад: Ҳангоме ки ӯро Рӯҳулқудс пур кард, вай аз таҳти дил ба Худо суруданро сар кард (Луқ. 1,67-79).

**5,20** Натиҷаи сеюм шукргузорӣ аст: *ҳамеша барои ҳама чиз Худои Падарро ба номи Худованди мо Исои Масеҳ шукр гӯед.* Диле ки дар он Рӯҳулқудс ҳукмрон аст, пур аз шукргузорӣ ва сипосгузории амиқ ба Худост, ки онҳо худ ба худ ифодаи худро меёбанд. Ва ин на

гоҳ-гоҳ, балки доимист. На фақат барои чизи мақбул, балки барои ҳама чиз. Барои нури офтоб ҳар кас шукргузорӣ карда метавонад; барои аз боиси тӯфонҳо дар ҳаёти худ шукргузорӣ кардан қувваи Рӯҳ лозим аст.

Ана роҳи кӯтоҳтарин ва боэътимод ба сӯи хушбахтӣ:

*Бигзор барои шумо шукргузорӣ ва ҷалол додани Худо барои ҳамаи он чи бо шумо рӯй медиҳад, одат шавад. Зеро, бешубҳа, ҳама чизи ба мусибат монандро дар лаҳзаи барои он ба Худо мадҳия гуфтанатон ба баракат табдил медиҳед. Ҳатто бо муъҷизаҳо ба зиёда аз он чи бо рӯҳи шукргузорӣ ба даст меоваред, ноил шуда наметавонистед; бе ягон сухан вай ҳама чизеро, ки ба он даст мерасонад, ба хушбахтӣ табдил медиҳад.*

**5,21** Шаҳодати чаҳоруми бо Рӯҳ пур будан *дар тарси Худо мутеи якдигар шудан* аст.

Эрдман огоҳӣ медиҳад:

*Ин суханони Павлусро бисёр вақт сарфи назар мекунанд ... Он дар бораи як меъёри рӯҳонияте мегӯяд, ки аз тарафи масеҳиён хеле кам истифода мешавад ... Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки садоҳои «ҳалелуё», сурудҳо оид ба азамати Худо ва суханони мадҳ дар забони бештар ё камтар «ношинос» шаҳодати «аз Рӯҳ пур шудан» аст. Аммо ҳамаи ин сохта, назарфиреб ва бемаънӣ буда метавонад. Ба масеҳиёни дигар итоат намудан, фурӯтании рафтор, ҳалимӣ, баҳс кардан нахостан, сабр ва нармӣ – шаҳодати ҳақиқии қувваи Рӯҳ ҳаминҳоанд ... Чунин итоати дутарафа ба масеҳиёни дигар бояд «дар тарси Худо» ба кор бурда шавад, яъне дар эҳтироми аз ҳад зиёд дар назди Он Касе ки мо Ӯро Худованд ва Соҳиби ҳама эътироф менамоем.*[36]

Инак, ин аст чаҳор натиҷаи аз Рӯҳ пур шудан: сухан гуфтан, суруд хондан, шукргузорӣ ва итоат. Аммо камаш боз сетои дигар ҳаст:

1. Ҷасорат дар маҳкум кардани гуноҳ (Аъм. 13,9-12) ва дар шаҳодат оид ба Худованд (Аъм. 4,8-12.31; 13,52-14,3).
2. Қувва барои хизматгузорӣ (Аъм. 1,8; 6,3. 8; 11,24).
3. Олиҳимматӣ, на худбинӣ (Аъм. 4,31.32).
4. Мадҳи Масеҳ (Аъм. 9,17.20) ва Худо (Аъм. 2,4.11; 10,44.46).

Мо бояд *аз Рӯҳ пур шуданро* самимона хоҳем, аммо на барои ҷалоли шахсӣ, балки барои ҷалоли Худо.

### Г. Даъват ба худотарсии шахсӣ дар оилаи масеҳӣ (5,22–6,9)

**5,22** Гарчанде ин ҷо қисми нав сар мешавад, ин оят бо ояти пешина зич алоқаманд аст. Дар он Павлус итоат ба якдигарро натиҷаи аз Рӯҳи Худо пур шудан номидааст. Дар қисми аз 5,22 то 6,9 вай оид ба се соҳаи муайян дар ҳаёти хонаводаи масеҳӣ сухан меронад, ки дар он Худо итоатро дидан мехоҳад:

*Занон* бояд ба *шавҳарони худ* итоат намоянд.

Фарзандон бояд ба падару модари худ итоат намоянд.

*Ғуломон* бояд *ба хоҷагони* худ итоат намоянд.

Дар Масеҳ Исо як чизи том шудани ҳамаи масеҳиён асло бекор кардани тартиби муносибатҳои заминиро ифода намекунад. Ба ҳар ҳол мо бояд шаклҳои гуногуни ҳокимият ва идоракуниро, ки Худо барқарор кардааст, эҳтиром кунем. Ҳар ҷамъияти муташаккил ду бунёд дорад: ҳокимият ва итоат. Ба он онҳое лозиманд, ки ҳокимиятро дар даст нигоҳ медоранд ва онҳое ки ба ин ҳокимият итоат мекунанд. Ин принсип асоси ҳар гуна муносибатҳост, ҳатто муносибатҳои илоҳӣ: «Ҳамчунин мехоҳам донед, ки сардори Масеҳ Худост» (1Қур. 11,3). Ҳар гуна ҳукумати инсонӣ аз Худост. Ҳукумат нафратовар буда метавонад, аммо аз нуқтаи назари Худо он нисбат ба набудани ҳеҷ гуна ҳокимият беҳтар аст, ва агар ҳокимият беитоатӣ ба Худовандро ё аз Ӯ рӯ гардониданро талаб накунад, мо бояд ба он итоат кунем. Набудани ҳукумат ба беҳокимиятӣ (анархия) мебарад, дар замони беҳокимиятӣ бошад ҳеҷ гуна ҷамъият зинда намемонад.

Ин ба ҳаёти оила ҳам дахл дорад. Дар он бояд сардор бошад, ки ба вай ҳама итоат намоянд. Худо қарор дод, ки роҳбарӣ дар оила бояд ба мард тааллуқ дошта бошад. Ӯ аввал мардро ва баъд занро барои вай офарида, ба ин ишора намуд. Ҳамин тариқ, ҳам дар тартиб, ҳам дар мақсади офариниш Худо ба мард ҷои сардор, ба зан бошад ҷои зердастро омода сохт.

Оне ки аз рӯи мавқеъ пасттар аст, арзиши камтар надорад. Худованд Исо ба Худо Падар итоат мекунад, аммо «аз рӯи сифат» аз Ӯ ҳеҷ фарқ надорад. Ҳамчунин занон одамони навъи дуюм нестанд. Аз бисёр ҷиҳат онҳо ҳатто аз мардҳо бартарӣ доранд – дар садоқат,

ҳамдардӣ карда тавонистан, меҳнатдӯстӣ ва сабру тоқат. Лекин *ба занон* фармуда шудааст, ки *фармонбардори шавҳарони худ шаванд, монанди он ки ба Худованд бошад.* Ба ҳукми шавҳар итоат намуда, зан ба ҳукми Худованд итоат мекунад. Аз рӯи ҳамин як сабаб дар дили вай набояд ишорае ҳам ба норозигӣ ё беитоатӣ бошад.

Таърих намунаҳои зиёди онро медонад, ки вайрон кардани тартиби аз тарафи Худо барқароршуда чӣ гуна ҳарҷумарҷ ба вуҷуд меоварад. Ҷои сардорро бо зӯрӣ гирифта, ба ҷои шавҳар қарор қабул намуда, Ҳавво дарро барои гуноҳ ба ҳаёти инсоният кушод, бо ҳама оқибатҳои ҳалокатоваре ки аз ин сар мезананд. Дар замони мо дар ибтидои мазҳабҳои зиёд заноне меистоданд, ки худсарона ҳокимиятро ба даст гирифта буданд. Аз рӯи нақшаи Худо онҳо ҳеҷ ҳуқуқе ба он надоштанд. Заноне ки доираи аз тарафи Худо барояшон муқарраршударо тарк мекунанд, ба ҷамоат ҷудоӣ андохта метавонанд, никоҳ ва оиларо вайрон карда метавонанд.

Аз тарафи дигар, ҳеҷ чизи ҷолибтар аз зане нест, ки нақши аз тарафи Худо барояш муқарраршударо иҷро мекунад. Сурати чунин зан бо тамоми қомат дар китоби Масалҳо 31 дода шудааст – муҷассамаи ҷовидон ба модар ва зане ки дили Худоро шод мекунад.

**5,23** Сабаби итоаткории зан дар он аст, ки *шавҳар сари* ӯст. Шавҳар нисбати зан ҳамон мавқеъро, ки Масеҳ ҳам нисбати Ҷамоат дорад, ишғол менамояд. *Масеҳ сари Ҷамоат ва Наҷотдиҳандаи бадан аст.* (Калимаи «Наҷотдиҳанда» дар ин ҷо ва инчунин дар 1Тим. 4,10 маънои «Нигаҳбон»-ро дошта метавонад.) Инак, *шавҳар сари зан аст* ва ҳамчунин нигаҳбони ӯст. Чун *сар,* вай дӯст медорад, роҳбарӣ мекунад ва равона мекунад; чун нигаҳбон, вай ӯро бо тамоми чизҳои зарурӣ таъмин мекунад, ӯро муҳофизат менамояд ва дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ мекунад.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо бисёриҳо ин таълимотро эътироф намекунанд. Павлусро аксар дар он гуноҳкор мекунанд, ки вай муҷарради мутаассиб, шовинист ва занбезор буд. Ё мегӯянд, ки нуктаи назари вай фарҳанги ҳамон замонро инъикос мекунад ва ҳозир қобили қабул нест. Чунин айбҷӯиҳо, бешубҳа, ҳуҷуми рӯ ба рӯ ба илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаи Муқаддас аст. Ин на фақат суханони Павлус, ин суханони Худост. Ба онҳо итоат накарда, мо ба Ӯ итоат намекунем ва ба худ мушкилиҳо ва мусибатҳо ба вуҷуд меоварем.

**5,24** Ҳеҷ чиз чун муқоисаи вай бо нақши *Ҷамоат,* Арӯси *Масеҳ,* нақши занро боло бардошта наметавонад. Бо итоаткории худ Ҷамоат ибрат нишон медиҳад, ки зан ҳам бояд ба он пайравӣ кунад. Вай бояд *аз ҳар ҷиҳат фармонбардор бошад – аз ҳар ҷиҳате* ки бо хости Худо мувофиқат мекунад. Аз зан интизор шудан нашояд, ки фармони шавҳарро оид ба рӯ гардонидан аз Масеҳ мутеона иҷро кунад. Аммо дар муносибатҳои рӯзмарраи муқаррарӣ вай вазифадор аст ба шавҳари худ фармонбардор бошад, ҳатто агар вай беимон бошад ҳам.

**5,25** Агар насиҳат ба зану шавҳар бо мурочиати зикршуда ба *зан* анҷом меёфт, он ба мо яктарафа ва ҳатто беадолатона метофт. Аммо бубинед, ки ҳақиқати Навиштаи Муқаддас чӣ андоза мувозинат дорад ва ба *шавҳарон* низ чӣ гуна талаботи бузург изҳор мекунад. Онҳо занони худро дар мутеӣ бояд нигоҳ надоранд, балки онҳоро дӯст доранд, чунон ки *Масеҳ низ Ҷамоатро дӯст дошт.* Касе хеле хуб гуфтааст, ки итоат кардан барои ҳеҷ ягон зан мушкил намебуд, агар шавҳараш вайро чунон дӯст дорад, ки Масеҳ ҷамоатро дӯст медорад. Шахсе оид ба одаме нақл мекард, ки ба занаш муҳаббати беандоза дошт ва метарсид, ки ин ба Худо маъқул нест. Ҳамсуҳбати масеҳии вай пурсид, ки оё вай занашро нисбат ба он ки Масеҳ Ҷамоатро дӯст медошт, бештар дӯст медорад. Он шахс гуфт, ки не. «Танҳо аз ин сарҳад гузашта, – дар ҷавоб шунид вай, – ту ҳақиқатан зани худро аз андоза берун дӯст хоҳӣ дошт». Ҷамоатро дӯст доштани Масеҳ дар ин ҷо бо се корнамоии бузург нишон дода шудааст, ки аз гузашта ба воситаи ҳозира ба оянда вусъат меёбанд. Дар гузашта Ӯ муҳаббати Худро ба Ҷамоат бо он исбот намуд, ки *Худро аз барои он дод.* Ин ҷо марги Ӯ дар салиб дар назар дошта шудааст. Дар он ҷо Масеҳ барои бозхарид намудани Арӯси Худ қимати баландтаринро пардохт. Чунон ки Ҳавво аз қабурғаи Одам офарида шуда буд, ҳамон тарз Ҷамоат ҳам, ба маънои муайян, аз паҳлӯи сӯрохгардидаи Наҷотдиҳанда баромад.

**5,26** Алҳол оид ба муҳаббати Ӯ ба Ҷамоат меҳнати муқаддасгардонии Ӯ шаҳодат медиҳад: *то ки онро бо шустушӯи об пок карда, ба воситаи калом муқаддас гардонад. Муқаддас*

*гардондан* ҷудо карданро ифода мекунад. Аз нуқтаи назари мавқеи худ Ҷамоат муқаддас гардонда шудааст; аз нуқтаи назари ҳаёти рӯзмарра вай якзайл муқаддас гардонда мешавад. Ҳозир раванди омодагии ахлоқӣ ва рӯҳонии вай ҷараён дорад, чунон ки Эстер пеш аз он ки ба назди подшоҳ Аҳашверуш биёяд, бояд дар муддати як сол русуми беҳдошт ва ороишро меомӯхт (Эст. 2,12-16). Раванди муқаддас гардондан ба воситаи *пок кардан бо шустушӯи об, ба воситаи калом* ба амал оварда мешавад. Ба ибораи дигар, ҳаёти масеҳиён поктар мегардад, вақте ки онҳо суханони Масеҳро мешунаванд ва онҳоро иҷро мекунанд. Ана барои чӣ Исо ба шогирдони Худ гуфт: «Шумо алҳол ба воситаи каломе ки ба шумо гуфтам, пок ҳастед» (Юҳ. 15,3). Ӯ дар дуои аввали саркоҳинии Худ муқаддас гардонданро бо калом пайваст: «Онҳоро бо ростии Худ муқаддас гардон: каломи Ту ростист» (Юҳ. 17,17). Айнан ҳамон тавре ки хуни Масеҳ аз айб ва ҷазо барои гуноҳ пок мекунад, ҳамин тавр Каломи Худо низ аз ифлосӣ ва қабоҳати гуноҳ доимо пок мекунад. Ин оят таълим медиҳад, ки Ҷамоат на таҳтуллафзан ба об, балки ба таровати поккунандаи Каломи Худо ғӯтавар мешавад.

**5,27** Дар гузашта муҳаббати Масеҳ дар бозхарид намудани мо зоҳир гашт. Ҳозир мо онро дар муқаддас гардонда шудани худ мебинем. Дар оянда он дар ҷалол ёфтани мо ошкор мешавад. Худи Ӯ *назди Худ Ҷамоатро дар шукӯҳе ҳозир созад, ки на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин, балки муқаддас ва беайб бошад.* Он гоҳ вай ба қуллаи зебоӣ ва камолоти рӯҳонӣ мерасад.

А. Т. Пиерсон барои чунин хитоб кардан асос дорад:

*Ӯ дар ҳамабинии Худ ба мо назар меандозад ва дар мо ҳеҷ чизе намеёбад, ки барои покии бенуқсони Ӯ ба рихинак ё холи модарзод дар рӯи одам монанд бошад. Аз ақл берун!*[37]

Ф. В. Грант фикри ӯро тақвият медиҳад:

*Ба синну соли калон ва ба нуқсон ишораи хурдтарин ҳам намешавад; фақат гули ҷавонии ҷовидон талаботи Ӯро қонеъ хоҳад кард, фақат ҳарорати меҳри самимӣ, ки ҳеҷ гоҳ сард намешавад, ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад. Он гоҳ Ҷамоат муқаддас ва бенуқсон мешавад. Кадоме аз мо, ки бо таърихи он шинос аст, ба ин бовар карда метавонист, агар намедонист, ки Худо бар гуноҳ ва бадӣ чӣ қадар ғалабаҳои машҳур ба даст меоварад.*[38]

**5,28** Ин тасвири пуршавқу завқи муҳаббати Масеҳ ба Ҷамоатро ба охир расонида, Павлус ба шавҳарон ёдрас мекунад, ки онҳо намуна барои тақлид доранд: *ҳамин гуна бояд шавҳарон занони худро ҳамчун бадани худ дӯст доранд.* Ба муҳаббати Масеҳ тақлид намуда, онҳо *занони худро* бояд чунон *дӯст доранд,* ки онҳо дар ҳақиқат *бадани худашон* бошанд.

Дар матни юнонӣ калимаи «худ» дар оятҳои 22-33 шаш маротиба вомехӯрад. Истифодаи махсусан зиёди ин ҷонишин ба мо ёдрас мекунад, ки Худо мехоҳад, то халқи Ӯ дар якникоҳӣ зиндагӣ кунад. Худованд дар замонҳои Аҳди Қадим бисёрзаниро роҳ дода бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ онро маъқул намедонист.

Ҳамчунин зикр намудан шавқовар аст, ки Павлус муносибати шавҳар ва занро чӣ гуна тасвир мекунад. Вай мегӯяд, ки зани худро дӯст дошта, мард ҷисми худро (о. 28 а), *худро* (о. 28б,33), бадани худро (о. 29) дӯст медорад. Азбаски баъд аз издивоҷ кардан ду нафар дар ҳақиқат як чизи том мешаванд, як ҷисм, пас марде ки *зани худро дӯст медорад,* ба маънои пурраи сухан *худро* дӯст медорад.

**5,29** Ҳар як одам оид ба ҷисми худ беихтиёр ғамхорӣ мекунад. Вай онро ғизо медиҳад, мепӯшонад ва оббозӣ медорад; вай онро аз ноқулайиҳо, дард ва зарар ҳимоя мекунад. Вай бе ин ғамхории доимӣ зинда намемонд. Таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти он фақат монандии сусти ғамхориест, ки *Худованд* нисбати *Ҷамоат* зоҳир мекунад.

**5,30** *Чунки мо узвҳои Бадани Ӯ ҳастем.* Файзи Худо ҳақиқатан ҳайратангез аст! Он моро на фақат аз гуноҳ ва дӯзах наҷот медиҳад, балки *узвҳои Бадани* ноаёни Ӯ карда, ба мо ягонагӣ бо Масеҳро бахшид. Ин оид ба муҳаббати Ӯ ба мо бисёр чизро мегӯяд: Ӯ моро чун Бадани Худ навозиш мекунад. Ғамхории Ӯ беҳудуд аст: Ӯ моро ғизо медиҳад, муқаддас мегардонад ва таълим медиҳад. Мо дар бехатарии пурра мебошем: Ӯ бе *узвҳои* Худ дар осмон нахоҳад буд. Мо бо Ӯ як чизи том ҳастем, мо як зиндагӣ дорем. Ҳама чизе ки ба узвҳо таъсир мекунад, ба Сар ҳам таъсир мекунад.

**5,31** Акнун расул Ҳастӣ 2,24-ро иқтибос меорад. Он ҷо ғояи асосие пешниҳод карда шудааст, ки онро Худо ҳангоми муқаррар

намудани муносибати зану шавҳар ба сифати дастур қабул карда буд. Аввалан, садоқат ба зани худ барои мард дар ҷои аввал буда, муносибатҳои ӯро бо падару модар ба ҷои дуюм танг карда баровардааст. Барои ба ҳаёт татбиқ намудани чунин ғояи баланди муносибатҳои заношӯӣ вай падару модарашро тарк карда, ба зани худ *мепайвандад*. Сониян, шавҳар ва зан *як тан* хоҳанд буд. Агар ҳама ин ду далелро хуб аз худ мекарданд, пас мушкилот бо хешу табор ва низоъҳои байни зану шавҳар ба охир мерасиданд.

**5,32** *Ин сир бузург аст: вале ман нисбат ба Масеҳ ва Ҷамоат сухан мегӯям.*

Павлус муҳокимаро оид ба муносибатҳои байни зану шавҳар бо эълони ҳақиқати хеле зебои то ҳол номаълум ба анҷом мерасонад: Он чи зан барои шавҳари худ мебошад, *Ҷамоат* барои *Масеҳ* ҳамон чиз мебошад.

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки *ин сир бузург аст,* вай дар назар надорад, ки он аз ақл берун ва асроромез аст. Вай гуфтан мехоҳад, ки аҳамияти ин ҳақиқат бузург аст. *Сирр* ҳамон мақсади бисёр зебост, ки дар тамоми асрҳои гузашта дар Худо ниҳон буд, лекин ҳозир ошкор аст. Ин мақсад аз намояндагони тамоми миллатҳо халқе ҷамъ кардан аст, ки он Бадан ва Арӯси Писари пурҷалоли Ӯ гардад. Ҳамин тариқ, муносибатҳои заношӯӣ дар муносибатҳои байни *Масеҳ* ва *Ҷамоат* тимсоли комил пайдо мекунанд.

*Як рӯҳ бо Худованд:*
*Исои ҷалолёфта Ҷамоатро,*
*Ки баҳри он Ӯ хуни Худро рехт,*
*Бадани Худ ва Арӯси Худ меҳисобад.*

Мэрӣ Барлӣ Питерс

**5,33** Дар ин ояти хотимавӣ расул ба гуфтаҳои боло хулоса мебарорад. Вай ба шавҳарон дастурҳои охиринро медиҳад: *пас, бигзор ҳар яке аз шумо* (ҳама, бе ҳеҷ истисно) *зани худро монанди худ дӯст дорад.* На фақат чунон ки худро дӯст медошта бошӣ, балки бо назардошти он ки вай бо шумо як чизи том шуд. Ба занон муроҷиат карда, вай мегӯяд: «*... ва зан аз шавҳари худ тарсад*» ва ҳурмат кунад. Биёед дар ин ҷо дақиқае истем ва андеша кунем! Чӣ мешуд, агар ҳамаи масеҳиён ба ин нишондодҳои Худо пайравӣ мекарданд? Ҷавоб равшан аст. На дилмондагиҳо мебуданд, на низоъҳо, на талоқҳо. Ҳаёти оилавӣ ба мо оид ба хушбахтии осмон тасаввуроти нисбатан равшантаре медод, нисбат ба он ки вай аксаран ҳозир инро мекунад.

**6,1** Дар боби 5 мо фаҳмидем, ки яке аз натиҷаҳои аз Рӯҳ пур шудан – ба якдигар итоат кардан аст. Мо дида будем, ки, масалан, зани аз Рӯҳ пуршуда ба шавҳари худ итоат мекунад. Акнун бошад мо мефаҳмем, ки *фарзандони* аз Рӯҳ пуршуда ба падару модари худ бо майли том итоат мекунанд. Вазифаи асосии ҳамаи фарзандон *ба падару модари худ дар Худованд итоат намудан аст.* Оё фарзандон масеҳианд ё не, оё падару модари онҳо масеҳианд ё не – ҳамаи ин ҳеҷ гуна нақш намебозад. Муносибатҳои байни фарзандон ва падару модарон аз тарафи Худо барои тамоми инсоният, на танҳо барои масеҳиён, муайян карда шудаанд. Фармони «*... дар Худованд итоат намоед*», аввалан, онро ифода мекунад, ки фарзандон бояд ба падару модарон *итоат намоянд,* бо дарки он ки бо худи ҳамин *ба Худованд* итоат мекунанд. Ба падару модар бояд ҳамон тавр итоат намуд, чунон ки ба Ӯ. Сониян, онҳо бояд ба ҳама чизе ки ба хости Худо мухолифат намекунад, итоат намоянд. Агар падару модар ба онҳо фармони гуноҳ кардан диҳанд, интизор будан нашояд, ки фарзандон ин талаботро иҷро мекунанд. Дар ин ҳолат онҳо бояд боадабона рад карда, аз оқибати радкунӣ дар фурӯтанӣ азоб кашанд ва дар андешаҳо қасос напарваранд. Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо онҳо бояд итоаткор бошанд.

Павлус чаҳор сабабро номбар мекунад, ки чаро фарзандон бояд итоаткор бошанд. Якум: *зеро ки ин аз рӯи инсоф аст.* Дар асоси ҳаёти ҳар кадом оила он принсип ҳаст, ки фарзандони бетаҷриба, хом ва ҳардамхаёл ба ҳукми падару модар, ки калонсолтар ва хирадмандтар аз онҳо мебошанд, бояд итоат намоянд.

**6,2** Сабаби дуюм он аст, ки инро Навиштаи Муқаддас талаб менамояд. Ин ҷо Павлус Хуруҷ 20,12-ро иқтибос меорад: *Падар ва модари худро эҳтиром намо* (ниг. инчунин Так. Шар. 5,16). Фармони *эҳтиром намудани* падару модар *аввалин* аз Даҳ фармуда аст, ки аз пайи он *ваъдаи* аниқ меояд. Он фарзандонро ба иззат намудан, дӯст доштан ва итоат кардан ба падару модари худ даъват менамояд.

**6,3** Сабаби сеюм он аст, ки ин ба манфиатҳои олии худи фарзандон хизмат мекунад: *то некӯаҳвол бошӣ.* Андеша намоед, бо кӯдаке ки ӯро падару модар таълим надоданд, ислоҳ

накарданд ва ҷазо надоданд, чӣ мешавад! Ин одам бисёр бадбахт, радшудаи ҷамъият хоҳад буд.

Сабаби чаҳорум он аст, ки итоат ба умри дароз мусоидат мекунад: *ва дар замин умри дароз бинӣ*. Дар Аҳди Қадим кӯдаки яҳудие ки ба падару модари худ итоат мекард, дар ҳақиқат умри хеле дароз медид. Дар давраи Инҷил аз ин қоида истисно ҳаст. Байни фармонбардории фарзандон ва дарозумрии онҳо на ҳамеша вобастагӣ ҳаст. Писари фармонбардор ҷавон ҳам мурда метавонад. Аммо умуман фармонбардорӣ ва интизом дар ҳақиқат саломатии мустаҳкам ва дарозумрӣ ато мекунанд, ҳаёти саркашон ва беақлон бошад аксаран бармаҳал канда мешавад.

**6,4** Фармоиш ба фарзандонро расул бо насиҳат *ба падарон* баробарвазн мекунад. Онҳо *фарзандони* худро бо талаботҳои беақлона, дағалии нодаркор ё хурдагириҳо ва ғур-ғури доимӣ набояд *ба хашм оваранд*. Баръакс, онҳо бояд фарзандонро дар *таълимот ва тарбияи Худованд калон кунанд. Таълимот* интизом ва ҷазост, ки даҳанакӣ ва ҷисмонӣ буда метавонад. Дар зери мафҳуми насиҳат ин ҷо огоҳӣ, танбеҳ, таъна ва сарзаниш фаҳмида мешавад. Тарбияи кӯдак бояд *дар Худованд* бошад, яъне мувофиқи хости Ӯ, ки дар Навиштаи Муқаддас ошкор гаштааст, ба амал оварда шавад, аз тарафи одаме ки чун намояндаи Ӯ баромад мекунад.

Сюзанна Вэслӣ, модари 17 фарзанд, ки дар байни онҳо Ҷон ва Чарлз Вэслӣ буданд, боре навишта буд:

*Падару модаре ки мекӯшанд саркашӣ ва худсарии кӯдаки худро шикаст диҳанд, даст ба даст бо Худо барои нав кардан ва наҷот додани рӯҳ меҳнат мекунанд. Худи ҳамон падару модар, ки ба онҳо тағофул мекунанд, ба осиёи иблис об мерезанд, динро ғайриамалӣ, наҷотро дастнорас мекунанд ва тамоми ҷидду ҷаҳдро ба кор меандозанд, то рӯҳ ва ҷисми кӯдаки худро маҳкуми лаънати абадӣ кунанд.*[39]

**6,5** Соҳаи сеюм ва охирини ҳаёти ҳаррӯзаи мо, ки дар он итоат ҳатмист муносибатҳои хизматгорон ва *хоҷагон* аст. Ҳарчанд Павлус ба *ғуломон* мурожиат мекунад, ин принсип ҳам ба хизматгорон, ҳам ба тамоми онҳое ки аз рӯи киро кор мекунанд, паҳн мешавад.

Аввалан, ҳамаи коргарони кироя бояд *ба хоҷагони заминии худ итоат намоянд*. Ифодаи *«хоҷагони заминӣ»* ба хотир меоварад, ки ба доираи ҳуқуқи соҳибкор фақат кори ҷисмонӣ ва ақлӣ дохил мешавад. Вай ҳуқуқ надорад дар масъалаҳои рӯҳонӣ фармон диҳад ё бо виҷдони каси дигар фармонфармоӣ кунад.

Сониян, хизматгорон бояд ба хоҷагон эҳтиром зоҳир кунанд. *«Бо тарсу ларз»*, яъне асло на бо тамаллуқкории буздилона ва даҳшати оҷизона, балки бо эҳтироми итоаткорона ва тарс аз хашмгин кардани Худованд ва соҳибкор.

Сеюм, вазифаҳои худро хизматгорон бояд боинсофона, ё дар *содадилӣ* ба ҷо оваранд. Ҳар соати дар суратҳисоби пулдиҳӣ қайдшуда бояд 60 дақиқаи меҳнати пур аз ҷидду ҷаҳдро дар бар гирад.

Мо бояд ҳамчун барои *Масеҳ* меҳнат намоем. Ин суханон ба набудани қадре фарқи муҳим байни меҳнати заминӣ ва рӯҳонӣ далолат мекунанд. Ҳар кореро, ки мекунем, бояд барои Худованд кунем – бо мақсади асосии ба Ӯ писанд омадан ва Ӯро ҷалол додан ва инчунин одамони дигарро ба Ӯ ҷалб намудан. Меҳнати аз ҳама ифлос ва муқаррарӣ наҷиб ва олӣ мегардад, агар вай барои ҷалоли Худо ба амал оварда шавад. Ҳатто шустани дегу табақ! Ана барои чӣ баъзе масеҳиён дар дастшӯяки ошхона чунин суханонро овезон кардаанд: «Дар ин ҷо дар як рӯз се маротиба ба Худо хизмат карда мешавад».

**6,6** Мо бояд доимо намунавор меҳнат кунем ва на фақат он вақте ки сардори мо намудор шавад; дар ёд хоҳем дошт, ки Хоҷаи мо ҳамеша ба мо нигоҳ мекунад. Ҳамин ки сардори мо ба ягон ҷо рафт, суст шуданамон табиист, аммо ин яке аз шаклҳои фиреб аст. Сифати кори масеҳӣ набояд ба он вобаста бошад, ки роҳбараш дар куҷост. Боре яке аз харидорон аз фурӯшандаи масеҳӣ хоҳиш намуд, ки каме зиёдтар аз он чи вай харид, диҳад, ва ӯро бовар мекунонд, ки соҳиби мағоза ба онҳо нигоҳ намекунад. Фурӯшанда ҷавоб дод: «Хоҷаи ман ҳамеша нигоҳ мекунад!» Ҳамчун хизматгорони Масеҳ, мо бояд *хости Худоро аз таҳти дил*, яъне бо хоҳиши самимии ба Ӯ мақбул шудан *ба ҷо оварем*.

Эрдман мегӯяд:

*Чунин муносибат меҳнатро беандоза беҳтар мекунад. Вазифаи ғуломи фурӯтантарин вазифаи бузург мегардад, агар онро чунон ба ҷо оварад, ки ба Масеҳ писанд ояд, бо чунин*

*ҷидду ҷаҳд, бо чунин омодагӣ ва боэҳтимом, ки он сазовори таҳсини Худованд бошад.*[40]

**6,7** Илова бар он, мо бояд *ғайратмандона* меҳнат кунем. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд ниқоби омодагии ёрӣ доданро пӯшем, вақте ки дар асл ботинан аз қаҳру ғазаб ҷӯш мезанем. Не, ин бояд бо хурсандӣ ва хоҳиш карда шавад. Ҳатто агар хоҷаи мо якрави дашномдиҳанда ва ноҳақ бошад, мо бояд вазифаи худро *монанди он ки* барои *Худованд* бошад, ба ҷо оварем, *на барои* одамон. Маҳз ин рафтор, ки ба табиати одамӣ хос нест, дар ҷаҳони мо чун шаҳодати беҳтарин хизмат мекунад.

**6,8** Омили бузурге барои кардани ҳама чиз, чунон ки барои Масеҳ бошад, боварӣ ба он аст, ки Ӯ ҳар гуна кори хуб ба ҷо овардаро мукофот медиҳад. Ҳеҷ гуна аҳамият надорад, *оё* ин *ғулом ё озод аст.* Худованд ҳар як кори дилписанд ва на он қадар дилписанди барои Ӯ ба амал меовардаро мебинад ва ба ҳар як меҳнаткаш мукофот медиҳад.

Пеш аз анҷом додани муҳокимаи ба ғуломон бахшидашуда инро зикр кардан зарур аст:

1. Аҳди Нав аслан ғуломиро маҳкум намекунад. Зиёда аз ин, он масеҳии ҳақиқиро ғуломи Масеҳ меномад (о. 6). Аммо ба ҳар ҷое ки Хушхабар меомад, ба шарофати дигаргунии ахлоқӣ зулму ситами ғуломӣ нест мешуд.
2. Аҳди Нав ба ғуломон нисбат ба подшоҳон бештар муроҷиат мекунад. Ин инъикоси он далел буда метавонад, ки дар байни даъватшудагон ҳакимон, тавоноён ё наҷибон бисёр нестанд (1Қур. 1,26). Аксари масеҳиён яқинан ба табақаи паст бо даромади камтарин тааллуқ доранд. Таваҷҷуҳ ба ғуломон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳатто ғуломони пасттарин ба баракатҳои аз ҳама беҳтарини масеҳият ҳуқуқ доранд.
3. Дар бораи таъсирбахшии ин панд он далел шаҳодат медиҳад, ки дар ибтидои масеҳият дар бозорҳои ғуломӣ барои ғуломон-масеҳиён, нисбат ба ғуломони бутпараст бисёртар пул медоданд. Дар рӯзҳои мо низ қимати хизматчии масеҳӣ, нисбат ба ҳамкори вай, ки файзи Худоро дарк накардааст, бояд дар назари соҳибкор болотар бошад.

**6,9** *Хоҷагон* бояд бо худи ҳамон принсипҳо амал кунанд, ки ғуломон ҳам. Онҳо бояд ростқор, некӯкор ва бовиҷдон бошанд. Сахтгириро маҳдуд намуда, онҳо ба ҳар тарз бояд аз суханони таҳқиромез ва таҳдид худдорӣ намоянд. Агар онҳо дар ин соҳа худдорӣ зоҳир намоянд, ба онҳо ҳеҷ гоҳ лозим намеояд, ки хизматгоронро ҷазои ҷисмонӣ диҳанд. Ва онҳо ҳамеша бояд дар хотир дошта бошанд, ки онҳо *дар осмон Хоҷае* доранд, худи ҳамон Худованде ки ғуломон дорад. Дар ҳузури Худованд тамоми фарқҳои заминӣ нест карда мешаванд. Ҳам хоҷа, ҳам хизматгор ягон вақт маҷбур мешаванд дар назди Ӯ ҳисобот диҳанд.

## Ғ. Даъват ба омодагӣ барои ҷанги рӯҳонӣ (6,10-20)

**6,10** Павлус ба анҷомдиҳии мактуби худ наздик мешавад. Вай бо даъвати ҳаяҷонбахш ба тамоми оилаи Худо ҳамчун ба сарбозони Масеҳ муроҷиат мекунад. Ҳар кадом фарзанди Худо ба зудӣ мефаҳмад, ки ҳаёти масеҳӣ муҳорибаи қатънашаванда аст. Фавҷҳои шайтонӣ ба ҳар тарз мекӯшанд ба кори Масеҳ халал расонанд, онро хароб кунанд, ҷанговарони Ӯро зада ғалтонанд. Имондор ба Худованд ҳар қадар зиёдтар самар оварад, ҳуҷумҳои душманон ҳамон қадар шадидтар мегарданд; иблис тирҳои худро ба онҳое ки фақат ба ном масеҳӣ ҳастанд, харҷ намекунад. Худ аз худ мо ҳеҷ гоҳ барои вай душмани сазовор намешавем. Ва бинобар ин фармони аввалин ба омодагӣ чунин аст: доимо *дар Худованд* ва *қудрати* беҳудуди Ӯ устувор гардед. Афсарони беҳтарини Худо онҳое мебошанд, ки заифӣ ва бетаъсирии худро дарк мекунанд ва дар ҳама чиз танҳо ба Ӯ умед мебанданд. «Худо нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад» (1Қур. 1,27). Заифии мо худро ба зери ҳимояи *тавоноии қудрати Ӯ* месупорад.

**6,11** Дар фармоиши дуюм зарурати аслиҳаи Худо зикр карда мешавад. Масеҳӣ бояд *аслиҳаи томи Худоро дар бар кунад, то бар зидди ҳилаҳои иблис истодагарӣ намуда* тавонад. Дар бар аслиҳаи *том* доштан хеле муҳим аст: охир, агар ягон қисми либосу афзоли ҷангиро гум кунем, мо суст мешавем. Аз ҷароҳат ва шикаст моро танҳо либосу афзоли пурраи аз тарафи Худо ба ихтиёри мо додашуда

муҳофизат карда метавонад. *Иблис ҳилаву* найранги сершумор дорад: шастгардонӣ ва рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, ошуфтагӣ, вайроншавии ахлоқӣ ва гумроҳии таълимотӣ. Вай медонад, ки ҷои заифи мо дар куҷост ва зарбаро маҳз ба ҳамон ҷо равона мекунад. Агар вай моро бо як усул аз саф бароварда натавонад, вай ҳатман усули дигарро ба роҳ мемонад.

**6,12** Моҳияти ҷанги масеҳӣ асло на дар муҳориба бо файласуфони бехудо, рӯҳониёни маккор, фирқагарони радкунандаи Масеҳ ё ҳокимони беимон мебошад. Ин муҳориба бо қувваҳои дӯзах, бо тӯдаи фариштаҳои пастфитрат, бо рӯҳҳои нопоки дорои ҳокимияти бузург аст. Гарчанде мо онҳоро дида наметавонем, махлуқоти рӯҳии нопок моро аз ҳама тараф иҳота мекунанд. Дуруст аст, ки онҳо дар имондори ҳақиқӣ сокин буда наметавонанд, аммо ӯро азоб дода ва бар ӯ зулм карда метавонанд. Масеҳӣ набояд ба мавзуи азозилият ғайримуқаррарӣ зиёд таваҷҷуҳ кунад, вай инчунин набояд дар тарс аз девҳо зиндагӣ кунад. Дар байни либосу афзоли ҷангии Худо ҳама чизи ба ӯ лозим ҳаст, то ҳудуди худро аз ҳуҷумҳои шадиди душман муҳофизат кунад. Оид ба ин фариштаҳои пастфитрат расул чун оид ба *сарвариҳо, қудратҳо, ҷаҳондорони ин давраи торик, қувваҳои рӯҳонии бадӣ дар ҷойҳои осмонӣ* сухан меронад. Мо дорои дониши кофӣ нестем, то ки байни ҳамаи ин категорияҳо дараҷабандӣ гузаронем; шояд, ин ҳокимони дорои дараҷаҳои гуногуни ҳокимият мебошанд, ки аз рӯи ҷадвали инсонӣ ба мақоми президент, сарвазир, мири шаҳр ва аъзоёни шурои шаҳрӣ мувофиқат мекунанд.

**6,13** Ҳангоме ки Павлус инро менавишт, нигоҳи вай, шояд, на як бор ба афсари румӣ, ки либоси пурраи ҷангӣ пӯшида дар дидбонӣ меистод, қарор мегирифт. Расул, чун ҳамеша, дар ҳаёти ҳаррӯза дарси рӯҳонӣ дид ва онро ба панди худ дохил кард: мо аз ҳама тараф бо душманони пурқувват иҳота шудаем, бинобар ин бояд *аслиҳаи томи Худоро гирем,* то дар айни авҷи ҷанг ба душман *муқобилат намоем* ва ҳангоме ки дуди муҳориба нест мешавад, устувор биистем. Ифодаи *«рӯзи бад»* шояд, ба он лаҳзаҳое таалluқ дорад, ки душман чун дарё фурӯ мерезад. Таассуроте ба амал меояд, ки ҳуҷумҳои иблис монанди мавҷҳое мебошанд, ки гоҳ моро зер мекунанд, гоҳ ақиб мераванд. Ҳатто иблис баъд аз он ки Худовандро дар биёбон ба васваса дучор кард, то замоне аз Ӯ дур рафт (Луқ. 4,13).

**6,14** Расул камарбанди *ҳақиқатро* аслиҳаи якум меномад. Албатта, мо бояд ростиро дуруст нигоҳ дорем, аммо боз он чиз аҳамият дорад, ки ба *ҳақиқат* иҷозат диҳем, то дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо мавриди истифодаро ёфта, моро нигоҳ дорад. Ҳамаро бо *ҳақиқат* санҷида, мо дар ҷанг қувва ва ҳимояро ба даст меоварем.

*Ҷавшани росткорӣ* дуюм номида шудааст. Ҳар кадом масеҳӣ росткории Худоро дар бар кардааст (2Қур. 5,21), аммо дар ҳаёти ҳаррӯза ҳам вай бояд бо худ тимсоли покӣ ва боviҷдониро зоҳир созад. Касе гуфтааст: «Одаме ки росткории амалиро дар бар кардааст, таъсирпазир нест. Шуморо на суханон, балки тарзи зисти некӯкорона аз айбдоркунӣ муҳофизат мекунад». Агар виҷдони мо бо ҳеҷ гуна гуноҳ бар зидди Худо ва одамон нороҳат карда нашудааст, пас тирҳои иблис ҳадаф надоранд. Довуд дар Забур 7,4-6 *ҷавшани росткориро* пӯшид. Худованд онро ҳамеша дар бар дошт (Иш. 59,17).

**6,15** Пойҳои ҷанговар бояд *пойафзоли омодагиро барои расондани Инҷили осоиш* пӯшида бошанд. Ин ба он далолат мекунад, ки мо бояд омода бошем, то бо хабари аҷоиб оид ба *осоиш* ба роҳ баромада, бо худи ҳамин ба ҳудуди душман ҳуҷум карда дароем. Мо дар хатар ҳастем, вақте ки мекӯшем дар хаймаҳои худ бароҳаттар ҷой гирем. Ин таҳдидҳоро мо танҳо аз пайи Наҷотдиҳандаи хабардиҳандаи осоиш ва муждарасони шодмонӣ рафта, бартараф карда метавонем (Иш. 52,7; Рум. 10,15).

*Пойҳои маро бигир, бигузор онҳо*
*Баҳри кори Ту шаванд тезгарду зебо.*

Френсис Ридлӣ Ҳэйвергал

**6,16** Ва боз ҷанговар бояд *сипари имонро* гирад, то ки ҳангоме иблис вайро бо *тирҳои тафсон* тирборон мекунад, онҳо, ба сипар зада ба замин афтанд, бе он ки ба ҷанговар зараре расонанд. Ин ҷо *имон* боварии комил ба Худованд ва Каломи Ӯст. Ҳангоме ки васвасаҳо сӯзон ва вазъиятҳо номусоиданд, вақте ки шубҳаҳо ҳамла меоранд ва хатари шикасти киштӣ ҳаст, *имон* нигоҳашро ба осмон бардошта, мегӯяд: «Ман ба Худо имон дорам».

**6,17** *Хӯде,* ки Худо ба мо медиҳад, *наҷот* аст (Иш. 59,17). Ҷанг ҳар қадар бераҳмона бошад ҳам, масеҳиро бо он тарсонидан

намешавад: охир вай медонад, ки ғалаба дар охир аз вай хоҳад буд. Боварӣ ба раҳоии ниҳоӣ ҳар гуна фикри ақибгардӣ ва таслимшавиро дур меронад. «Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо кист?» (Рум. 8,31).

Ниҳоят, ҷанговар *шамшери Рӯҳро, ки Каломи Худост,* мегирад. Мисоли классикии ин он аст, ки Худованди мо дар муҳориба бо иблис аз ин *шамшер* чӣ хел истифода мебурд. Ӯ се маротиба Каломи Худоро иқтибос овард ва дар баробари ин на оятҳои тахминан интихобшуда, балки онҳоеро, ки ба Ӯ Рӯҳулқудс медод ва онҳоеро, ки ба вазъият мувофиқ буданд (Луқ. 4,1-13). *Каломи*[41] *Худо* ин ҷо на тамоми Навиштаи Муқаддасро ифода мекунад, балки танҳо оятҳои муайяни онро, ки ба талаботи вазъияти муайян беҳтар аз ҳама ҷавоб медиҳанд.

Давид Вотсон менависад:

*Худо ба мо ҳама чизи заруриро барои муҳофизат медиҳад. Мо бояд доимо диққат диҳем, ки ҳаёти мо бо Худоро партави ҳақиқат иҳота намояд; то ки вай дар назди Худо ва одамон росткор бошад; то ба ҳар ҷое ки равем, бо худ осоиш оварем; то мо сипари имонро бардорем ва тирҳои тафсони иблисро хомӯш кунем; то мо хиради худро аз тарсҳо ва нооромиҳое ки ба осонӣ ҳуҷум мекунанд, муҳофизат намоем ва Каломи Худоро дар қувваи Рӯҳ босамар истифода барем. Дар хотир доред, ки Исо танҳо бо зарбаҳои такрории шамшери Каломи Худо бар ҳуҷумҳои душман дар биёбон ғалаба овард.*[42]

**6,18** Дар тасвири аслиҳа мо зикри *дуоро* намеёбем, аммо аҳамияти онро аз будаш зиёд қадр намекунем, агар гӯем, ки он ҳамон муҳитест, ки ҷанговар дар он зиндагонӣ мекунад, ҳавоест, ки бо он нафас мекашад. Ин рӯҳест, ки дар он вай бояд либосу аслиҳаи ҷангии Худоро дар бар кунад ва ба душман муқобил барояд. Ҳамеша дуо гуфтан лозим аст, на гоҳгоҳ; ин бояд одат шавад, на истисно. Ҷанговар, илова бар ин, бояд тамоми намудҳои *дуоро* истифода барад: дуо дар назди одамон ва дар танҳоӣ, хуб фикр кардашуда ва худ ба худ рӯйдиҳанда, илтимосҳо ва дархостҳо; дуои эътироф ва фурӯтанӣ, ситоиш ва шукргузорӣ.

*Дуо* бояд *дар Рӯҳ* бошад, яъне бо илҳоми Ӯ ва роҳнамоии Ӯ гуфта шавад. Аз дуоҳои аз ёд кардашуда ва механикӣ гуфташуда (бе он ки оид ба маънояш андеша кунанд) дар муҳориба бар зидди фавҷҳои дӯзах чӣ гуна манфиат ҳаст? Дуо меҳнати осон нест: *ва ҳушёр буда.* Мо бояд ҷидду ҷаҳд намоем, аз хоболудӣ, бедиққатӣ ва андешаҳо дар бораи чизҳои дигар бохабар бошем. *Дуо* зиндадилии рӯҳ, ҳушёрӣ ва бодиққатиро металабад. Ғайр аз ин, дар дуо бояд *пойдорӣ* бошад. Мо хоҳиш кардан, ҷустан ва дар кӯфтанро набояд қатъ намоем (Луқ. 11,9). Мо бояд барои *ҳамаи муқаддасон* илтимос намоем. Онҳо низ дар байни муҳориба мебошанд ва ба дастгирии ҳамсафони худ эҳтиёҷ доранд.

**6,19** Агар гап дар бораи илтимоси шахсии Павлус *«барои ман низ»* равад, Блейкӣ менависад:

*Ба маънои ғайркоҳинонаи он таваҷҷуҳ намоед! Павлус захираи файзро, ки барои ҳамаи эфесусиён кофӣ бошад, надошт. Зиёда аз ин, вай ба дуоҳои онҳо эҳтиёҷ дошт, то ки аз захираи яккаву ягонаи зинда ба вай файзи зарурӣ дода шавад.*[43]

Павлус аз зиндон менавишт. Бо вуҷуди ин вай оид ба озодшавии таъҷилии худ дуо гуфтанро илтимос намекунад. Ба ҷои ин вай дар хусуси сухангӯӣ илтимос мекунад, то ки вай бо *даҳони кушода* ва далерона *сирри* Хушхабарро мавъиза намояд. Дар Нома ба Эфесусиён ин ёдраскунии охирин оид ба *сирр* мебошад. Ин ҷо дар ин бора чун сабаби ҳабс шудани Павлус гуфта мешавад. Аммо вайро пушаймонӣ азият намедиҳад. Баръакс, ӯ баъд аз ин ҳам оид ба он бештар хабар додан мехоҳад.

**6,20** Сафирон одатан аз масунияти дипломатӣ истифода мебаранд; ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад онҳоро ҳабс кунад ё ба зиндон партояд. Аммо одамон ҳозиранд ба ҳама чиз бо таҳаммул муносибат кунанд, аммо на ба Хушхабар. Ҳеҷ кадом мавзуи дигар чунин таркиши эҳсосот, чунин сели нафрат ва шубҳа, чунин таъқиботи шадидро ба вуҷуд намеоварад. Бинобар ин намояндаи Масеҳ *сафир дар занҷирҳо* буд.

Инро Эдӣ хуб тасвир намудааст:

*Намояндаи ҳокими пуриқтидор, ки ба вай сафирӣ супурда шудааст ва бо наҷобат ва таъҷилӣ будани хабари худ беназир буда, ба ҳаққонияти ваколатномаҳояш заррае ҳам шубҳа нест, дар зиндон дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад.*[44]

Ҷойҳои муайяни мавъизаи Павлус боиси нафрати махсуси диндорони маҳдуд

гардиданд: Вай эълон мекард, ки яҳудиёни масеҳӣ ва ғайрияҳудиёни масеҳӣ акнун як иттиҳоди навро ташкил медиҳанд, ба имтиёзҳои якхела соҳибанд ва Масеҳро Сарвар эътироф менамоянд.

## Д. Саломҳои шахсии Павлус (6,21-24)

**6,21-22** Павлус *Тихиқусро* аз Рум ба Эфесус мефиристад, то вай ба муқаддасон оид ба чигунагии корҳои вай нақл кунад. Ӯ *Тихиқусро* таҳсинкорона ҳамчун *бародари азиз ва хизматгузори боваф дар Худованд* баҳо медиҳад. Дар Аҳди Нав номи ин одам панҷ маротиба вомехӯрад. Вай дар байни онҳое буд, ки якҷоя бо Павлус аз Юнон ба Осиё роҳ паймуданд (Аъм. 20,4). Вай фиристодаи расул ба масеҳиёни Кулассо (Кул. 4,7), ба Эфесус (6,21, бо 2Тим. 4,2 муқоиса кунед) ва, шояд, ба Титус дар Крит (Тит. 3,12) ҳам буд. Ин дафъа ба вай вазифаи дутарафа супурда шуда буд: Ба муқаддасон оид ба *вазъияти* Павлус хабар додан ва инчунин аз ҳар гуна тарсҳои нолозим раҳо намуда, *дилҳои* онҳоро *тасалло додан*.

**6,23** Дар оятҳои охирин мо аз нав ба дурудҳои барои мактубҳои Павлус хос вомехӯрем – осоиш ва файз. Онҳоро бо ҳам пайваста, вай ба хонандагони худ маҷмуи тамоми баракатҳоро хоҳон аст. Инчунин, калимаи хоси яҳудиро бо калимаи хоси ғайрияҳудӣ пайваста, вай ишораи охирини пардапӯшро ба сирри Хушхабар мекунад – яҳудиён ва ғайрияҳудиён алҳол дар Масеҳ як шудаанд. Дар ояти 23 вай ба хонандагони худ *осоиш ва муҳаббат бо имон* мехоҳад. *Осоиш* дар ҳар гуна вазъиятҳои ҳаётӣ ба дилҳои онҳо оромӣ ато менамояд. *Муҳаббат* ба онҳо қобилияти ҷалол додани Худо ва якҷоя меҳнат карданро медиҳад. *Имон* дар муҳорибаи рӯҳонӣ ба корнамоиҳо илҳом мебахшад. Ҳамаи ин баракатҳо аз *Худо Падар ва Худованд Исои Масеҳ* мебароянд, ва агар онҳо баробар намебуданд, ин ғайриимкон мебуд.

**6,24** Аз ҳама охир расули дӯстдошта ба ҳамаи онҳое ки ба *Худованди мо Исои Масеҳ муҳаббати* самимии бетағйир *доранд, файз* мехоҳад. Муҳаббати ҳақиқии масеҳӣ бо пойдорӣ фарқ мекунад: Шуълаи он баъзан ларзида ва кам шуда метавонад, аммо он ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад.

Аз он замоне ки деворҳои зиндони Рум ба бандии наҷиби худ нигоҳ мекарданд, садсолаҳои зиёд гузаштанд. Расули бузург ба мукофоти худ ворид шуд ва рӯи Дӯстдоштаи худро дид. Аммо мактуби ӯ то ҳол бо мост ва ҳамчунин ботароват ва возеҳу равшан аст, чун ҳамон рӯзе ки аз зери қалами вай баромад. Дар асри бистум (ва баъд аз ин) ҳам он бо суханони панд, рӯҳбаландкунӣ, эътиқод ва даъват ба мо муроҷиат мекунад.

Маънидоди Нома ба Эфесусиёнро ба анҷом расонида, мо аз дилу ҷон ба суханони Ҳ. В. Вэбб-Пеплоу тарафдор шуда метавонем:

*Дар китоби Худо асари дигаре нест, ки чунин боазамат ва олӣ бошад, бинобар ин ҳеҷ кас онро аз рӯи адолат тақдир карда наметавонад, ҳатто агар вай фиристодаи Худи Худо бошад ҳам! Ман умедворам, ки акнун мо дар ҷустуҷуи таълимот оид ба покшавӣ, таълимоте ки моро ба ҳаёти олиҳимматона ва олӣ ҳидоят мекунад, ба он наздиктар омада метавонем; ва он ба мо барои ҷалол додани Худо ёрӣ медиҳад.*[45]

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) William G. Moorehead, *Outline Studies in Acts and the Epistles,* саҳ. 214.
2. (1,3) Lewis Sperry Chaffer, *The Ephesian Letter,* саҳ. 74.
3. (Руҷуъ) W. G. Blaikie, *Ephesians, Pulpit Commentary,* ҷ. 45, саҳ. 3.
4. (1,10) John G. Bellett, *Brief Notes on the Epistle to the Ephesians,* саҳ. 6,7.
5. (1,17) R. W. Dale, *The Epistle to the Ephesians; Its Doctrines and Ethics,* саҳ. 133.
6. (1,19) F. B. Meyer, *Key Words of the Inner Life,* саҳ. 92.
7. (1,19) Chafer, *Ephesian Letter,* саҳ. 57.
8. (1,20) Meyer, *Key Words,* саҳ. 93.
9. (2,3) дар ҳамон ҷо, саҳ. 140.
10. (2,4) John Eadie, *Commentary on the Epistle to the Ephesians,* саҳ. 141.
11. (2,5) A. T. Pierson, *The Work of Christ for the Believer,* дар: *The Ministry of Keswick, First Series,* саҳ. 118,119.
12. (2,7) 1Қур. 13,12 ва 1Юҳ. 3,2 баъзан чун исботи он кор фармуда мешаванд, ки дар осмон мо ҳамадон мешавем. Аммо ояти якум танҳо оиди он мегӯяд, ки дар осмон мо якдигарро мешиносем, дуюм бошад оид ба монандии ахлоқӣ ва ҷисмонӣ ба Масеҳ.
13. (2,18) Eadie, *Ephesians,* саҳ. 187.
14. (2,21) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 68.
15. (3,1) Ruth Paxson, *The Wealth. Walk and Warfare of the Christian,* саҳ. 57.
16. (3,4) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 104.
17. (3,8) Дар ҳамон ҷо, ҷ. 46, саҳ. 105,106.
18. (3,9) Дар забони юнонӣ калимаеро, ки «идора кардан, ваколат»-ро ифода мекунад, махсусан дар дастнависҳои пештарин, агар бо ҳарфи калон навишта шуда бошад (бо хати унсиалӣ), бо калимае ки зоҳиран ба он монанд буда, маъноаш «мушоракат» аст («ойкономиа» ва «койнониа»), омехта кардан осон аст.
19. (3,16) Jamieson, Fausset ва Brown, *Commentary Practical and Explanatory on the Whole Bible,* ҷ. 6, саҳ. 408.
20. (3,18) W. Graham Scroggie, *Paul's Prison Prayers, The Ministry of Keswick, Second Series,* саҳ. 49.
21. (3,18) Meyer, *Key Words,* саҳ. 53,54.
22. (3,21) George Williams, *The Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 925.
23. (4,2) Walter C. Wright, *Ephesians,* саҳ. 85.
24. (4,10) F. W. Grant, *Ephesians,* дар: *The Numerical Bible,* ҷ. 6, *Acts to 2 Corinthians,* саҳ. 341.
25. (4,11) Мувофиқи қоидаи Гренвил Шарп, дар забони юнонӣ ду калимаи ифодакунандаи унвон ё сифат, ки бо пайвандаки «каи» («ва») пайваст шудаанд, дар ҳолате ки артикли муайянӣ танҳо дар назди аввалини онҳо истода бошад, ба ҳамон як шахсият тааллуқ дорад. Ҳамчун намунаи равшани чунин сохти ифодаи «Худои мо ва Исои Масеҳи Наҷотдиҳанда» дар 2Пет. 1,1 хизмат мекунад, ки дар он асоси грамматикӣ ҳаммаъно дар бораи илоҳияти Исо шаҳодат медиҳад. Барои шумораи ҷамъ, ба монанди ҳолати додашуда, ин қоида чандон ҳаматарафа нест, ҳарчанд тамоми сохт хеле сахт бо алоқаи зичи ду исм фикран монанд карда мешавад («китобдонон ва фарисиён»).
26. (4,12) Vance Havner, *Why Not Just Be Christians,* саҳ. 63.
27. (4,15) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 150.
28. (4,19) Wright, *Ephesians,* саҳ.100.
29. (4,21) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 151.
30. (4,22) Зикри тарҷумон: Дар нусхаи тоҷикӣ оятҳои 22 то 24, чун фармонҳо тарҷума шудаанд. Ин як имконияти фаҳмидани матни юнонӣ мебошад.
31. (4,24) Grant, *Ephesians,* саҳ. 344.
32. (4,32) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Paul's Epistles to the Galatians, to the Ephesians, and to the Philippians,* саҳ. 588.
33. (5,2) Meyer, *The Heavenlies,* саҳ. 25.
34. (5,9) Дар матни НА ба ҷои «нур» («фотос») «Рӯҳ» («пнеуматос») истодааст.
35. (5,13) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 209.
36. (5,21) Charles R. Erdman, *Ephesians,* саҳ. 106.
37. (5,27) Pierson, *The Work of Christ,* саҳ. 138.
38. (5,27) Grant, *Ephesians,* ҷ. 6, саҳ. 350.
39. (6,4) Иқтибос оварда шудааст аз: William W. Orr, *Bible Hints on Rearing Children,* саҳ. 19.
40. (6,6) Erdman, *Ephesians,* саҳ. 119.

41. (6,17) Дар ин ҷо Павлус на калимаи васеъ машҳури «логос»-ро истифода мебарад, балки «рема» (ки аз он калимаи «риторика»-и мо ба вуҷуд омадааст) бо маънои «баён, изҳор», дар ин ҳолат «сухан»-и муайян аз Худо барои эҳтиёҷи муайян. Баъзан калимаҳои «логос» ва «рема» синониманд.
42. (6,17) David Watson, *Discipleship,* саҳ. 183.
43. (6,19) Blaikie, *Ephesians,* ҷ. 46, саҳ. 260.
44. (6,20) Eadie, *Ephesians,* саҳ. 480.
45. (6,24) H. W. Webb-Peploe, *Grace and Peace in Four Pauline Epistles, The Ministry of Keswick, First Series,* саҳ. 69.

# Рӯйхати адабиёт


Bellet, John G.
*Brief Notes on the Epistle to the Ephesians.*
London: G. Morrish, сол номаълум.

Blaikie, W. G.
*Ephesians, Pulpit Commentary, ҷ. 46.*
New York: Funk & Wagnalls, сол номаълум.

Chafer, Lewis Sperry.
*The Ephesian Letter.*
Findlay, Ohio: Dunham Publishing Company, 1935.

Dale, R. W.
*The Epistle to the Ephesians: its Doctrine and Ethics.*
London: Hodder and Stoughton, 1893.

Eadie, John.
*Commentary on the Epistle to the Ephesians.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1957.

Erdman, Charles R.
*The Epistle of Paul to the Ephesians.*
Philadelphia: Westminster Press, 1931.

Flint, V. Paul.
*Epistle to the Ephesians: To the Praise of His Glory.*
Oak Park, IL: Emmaus Bible School, сол номаълум.

Meyer, Frederick Brotherton.
*Key Whrds of the inner Life: Studies in the Epistle to the Ephesians.*
Fleming H. Revell Company, 1893.

Meyer, Frederick Brotherton.
*The Heavenlies.*
Westchester, IL: Good News Publishers, сол номаълум.

Paxson, Ruth.
*The Wealth, Walk and Warfare o the Christian.*
New York: Fleming H. Revell Co., 1939.

Wright, Walter C.
*Ephesians.*
Chicago: Moody Press, 1954.

# НОМА БА ФИЛИППИЁН

*Ҷилди хурдакаки некӯӣ дар муқоваи файз.*
Ҷ. Ҳ. Ҷоветт

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Ҷамоати аввалини ягон деноминатсия (равия), ки дар ягон шаҳр барпо карда шудааст, дар пеши назари аъзоёнаш обрӯву эътибори махсусро дорост. Пас тамоми аҳамияти ҷамоатеро ба худ тасаввур намоед, ки хеле пеш аз пайдоиши деноминатсияҳо (равияҳо) ҳамчун аввалин ҷамоати тамоми Аврупо ба вуҷуд омадааст! Ҷамъомади масеҳиёни шаҳри Филиппӣ дар Мақдунияи қадим (дар шимоли Юнон) маҳз чунин ҷамоат буд. Имрӯз масеҳиёни ғарбӣ (ва ҳатто ғайримасеҳиён, агар дар бораи «маҳсули иловагӣ»-и масеҳият, ки онҳо бо майли том истифода мебаранд, медонистанд) бояд аз он хурсанд мешуданд, ки Павлус ба «даъвати шахси мақдунӣ» пайравӣ намуд ва дар мавъизаи Хушхабар дар империяи Рум на ба шарқ, балки ба ғарб рӯ овард! Аз эҳтимол дур нест, ки агар он вақт Хушхабар дар Аврупо реша намедавонд, Осиё миссионеронро ба Аврупо ва Амрикои Шимолӣ мефиристод, на ин ки баръакс.

Ҷамоати шаҳри Филиппӣ хасисӣ накарда, гаштаву баргашта ба Павлус ёрии моддӣ мерасонид. Маҳз ҳамин, аз нуқтаи назари одамӣ, сабаби навишта шудани номаи сипосгузоронаи зерин гардид.

Дар асл бошад Нома ба Филиппиён аз ин чаҳорчӯба хеле васеътар аст. Ин ҳақиқатан номаи шодист: мафҳумҳои «шодӣ» ва «шодӣ кунед» дар чор боби он бештар аз 12 маротиба вомехӯрад. Павлус ҳам дар замонҳои мушкил ва ҳам дар замонҳои мусоид чӣ тавр шодӣ карданро медонист (4,11). Дар ин номаи зиндадилона баҳсу мунозира ё ин ки панду насиҳат бо истифодаи мисолҳои манфӣ хеле кам аст.

Сабаби асосие ки ба шодӣ кардани масеҳиён *имконият медиҳад,* дар он аст, ки Писари Худо розӣ шуд ба замин ба намуди одам ва ҳатто ҳамчун ғулом ояд! Дар зинаи мобайнии шифобахшӣ ва панддиҳӣ наистода, Ӯ тамоми роҳро то охир тай намуд, то марг марг дар салиб. Ин ҳақиқати бузург ва хеле зебо дар Филиппиён 2,5-11 навишта шудааст ва аксарият чунин меҳисобиданд, ки суханони зерин аз суруди масеҳӣ гирифта шуда буданд, ки онро Павлус иқтибос овардааст, ё ин ки худаш эҷод кардааст. Вале ин суханон барои он дохил карда шуда буданд, то нишон дода шавад, ки роҳ ба ягонагӣ ба василаи фурӯтанист. Таълимотро аз вазифадорӣ ҷудо кардан дар Инҷил имкон надорад. Ин ҳақиқат дар байни одамоне ки дар замони мо ҷамоатро пур мекунанд, дар фаромӯшист ва натиҷаи чунин муносибат таассуфовар аст.

Инак, дар назди мо Нома ба Филиппиён аст – яке аз китобҳои фараҳбахштарин ва ҷаззобтарин дар тамоми Каломи Худо.

### II. МУАЛЛИФӢ

Азбаски аксари илоҳиётшиносон муаллифии Павлусро баҳснопазир мешуморанд, пас далелҳоро ҳам ба манфиати ин ақида мо асосан танҳо барои мукаммалии манзара меорем. Баъзе илоҳиётшиносон мегӯянд, ки нишонаҳои *ду* номаро фарқ мекунанд, ки дертар дар Нома ба Филиппиён муттаҳид карда шудаанд, ё ин ки ҳеҷ набошад, оятҳо дар бораи Ғулом (2,5-11) ба Нома дертар бо дасти бегона дохил карда шудаанд. Дар дастнависҳо ҳеҷ чизе пайдо карда нашуд, ки чун далел ба манфиати чунин назарияҳо баҳо додан мумкин бошад.

*Шаҳодати зоҳирӣ* хеле кавӣ аст. Дар байни онҳое ки Номаро дар ибтидои масеҳият иқтибос оварда, дар зимни ин аз тарафи Павлус навишта шудани онро зуд-зуд ёдрас менамуданд, Игнатий, Клименти Румӣ, Поликарп, Ириней, Клименти Искандариягӣ ва

Тертуллиан буданд. Ҳам қонуни Маркион ва ҳам қонуни Мураторӣ ин китобро ба Павлус нисбат медиҳанд.

Дар баробари ишораи аниқ ба Павлус дар ояти 1,1 мо овози расулро баръало дар худи сабк ва тасвияҳои ин нома мешунавем. Далелҳои зидди муаллифии Павлус пешниҳодшаванда аксаран камаҳамиятанд, масалан, изҳорот дар бораи он ки мафҳумҳои «усқуф» ва «ходим» дар ояти 1,1 чандин солҳо пас аз марги Павлус ба таомул даромаданд. Дар ин заррае аз ҳақиқат буда метавонист, агар мо он тасаввуротҳоеро дар бораи усқуфҳо, ки хеле *дертар* ба вуҷуд омадаанд, ба асри якум нисбат доданӣ мешудем. Павлус бошад дар номаҳои шубонӣ ва дар Аъмол ояти 20,28 калимаи «усқуф»-ро (дар асли юнонӣ *episcopoi*, яъне «назораткунанда» ё «нигаҳбон») чун синоними калимаи *«пир»* истифода мебарад. Инро ҳам зикр кардан зарур аст, ки дар ҷамоате ки ба он Павлус муроҷиат мекунад, *якчанд* усқуфҳо буданд.

Х. А. А. Кеннедӣ *шаҳодати дохилиро* хеле хуб мухтасар ифода кардааст:

*Шояд дар ҳеҷ яке аз номаҳои Павлус нишонаи ҳақиқӣ будани он ин қадар возеҳ намудор нест. Табиӣ будан, нозукии эҳсос, самимияти изҳори қалбии ӯро сохтакорӣ кардан дар ҳақиқат имконнопазир аст.*[1]

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Нома ба Филиппиён ба монанди Номаҳо ба Эфесусиён, ба Кулассиён, ба Филемун аз зиндон навишта шуда буд ва бинобар ин ба гурӯҳи номаҳои зиндонӣ тааллуқ дорад. Се номаи аввал, эҳтимоли пурра дорад, ки тақрибан дар як вақт (тахминан соли 60 милодӣ) навишта ва фиристода шуда буданд, аммо Нома ба Филиппиён, бешубҳа, хеле дертар навишта шуда буд. Маркион махсус зикр мекунад, ки Павлус ин Номаро аз Рум навиштааст ва суханони ӯ хеле хуб бо Филиппиён 1,13 ва 4,22 мувофиқат мекунанд. Аз онҳо чунин бармеояд, ки ҷои навишта шудани Нома Рум буд. Павлус дар Рум ду солро дар ҳабс гузаронид ва баъзе тафсилоти Нома имкон медиҳанд тахмин намоем, ки он аллакай наздиктар ба охири ин давра навишта шуда буд. Ҳамин тавр, масалан, аз оятҳои 1,12-18 хулоса баровардан мумкин аст, ки аз он лаҳзае ки расул ба Шаҳри Абадӣ омада дар он мавъизаи Хушхабарро сар кард, аллакай вақти зиёде гузаштааст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар оятҳои 1,12.13.19.23-26 ишора ба он ҳаст, ки ба қарибӣ оид ба парвандаи Павлус қарор бароварда мешавад (ва эҳтимол, барои ӯ созгор – озод шудан).

Дар асоси ин далелҳо ва бо назардошти он ки барои номаҳо, хабаргириҳо ва пул фиристоданҳо, ки дар бораи онҳо дар Нома зикр карда мешавад, низ муддате гузашт, навишта шудани номаро охири соли 61 милодӣ ҳисобида метавонем.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Он рӯзе ки расул Павлус дар вақти сафари миссионерии дуюми худ ба шаҳри Трӯос расид, дар таърихи миссионерии масеҳӣ рӯзи бузурге буд. Трӯос дар Осиёи Хурд дар шимолӣ- ғарбии бахри Эгей, рӯ ба рӯи соҳилҳои Юнон ҷойгир буд. Боре шабона ба расул дар руъё мақдуние аён шуд ва гуфт: «Ба Мақдуния омада, ба мо мадад расон» (Аъм. 16,9). Павлус бо худ Тимотиюс ва инчунин Луқо ва Силоро ҳамроҳ гирифта, фавран барои ба Мақдуния рафтан тайёрӣ диданро сар кард. Ба замини Аврупо онҳо дар Ниёпулис қадам гузоштанд ва баъд ба дарунтари қитъа равона шуданд, ба Филиппӣ. Ин шаҳри баъдтар нашъунамоёфта он вақт колонияи Рум буд, ки аз тарафи Рум идора карда мешуд ва ба сокинони худаш ҳуқуқ ва имтиёзҳои шаҳрвандони Румро медод.

Рӯзи шанбе мавъизагарони Хушхабар берун аз шаҳр, ба соҳили дарё, ки одатан дар он ҷо гурӯҳи занон барои ибодат ҷамъ меомаданд, равона гардиданд (Аъм. 16,13). Дар байни онҳо Лидия аз Тиётира буд, ки арғувон мефурӯхт. Чунон, ки ба мо маълум аст, вай Хушхабарро қабул намуда, дар қитъаи Аврупо яке аз аввалинҳо шуда ба масеҳият рӯ овард.

Аммо дар Филиппӣ будани Павлус он қадар ҳам оромона набуд. Боре ба хизматгорони Худованд духтаре вохӯрд, ки рӯҳи ғайбгӯй дошт (пешгӯии ҳодисаҳои оянда). Як муддате ӯ аз қафои онҳо гашта фарёд мекард: «Ин одамон бандагони Худои Таолоянд, ки ба мо роҳи наҷотро хабар медиҳанд» (Аъм. 16,17).

Шаҳодати шахси рӯҳи бад доштаро қабул кардан нахоста, расул ба рӯҳи бад фармуд, ки аз ӯ барояд. Хоҷагони ин духтар, ки аз пешгӯии вай даромади зиёд доштанд, инро дида дарғазаб шуданд. Онҳо бо зӯрӣ Павлус ва Силоро ба майдони бозор оварданд, то барои ба доварии намояндагони Рум супоранд. Доварон бошанд, дар навбати худ фармон доданд, ки онҳоро калтаккорӣ карда ба зиндон андозанд.

Ҳодисаҳоеро, ки дар зиндони шаҳри Филиппӣ рӯй дода буданд, ҳама хеле хуб медонанд. Нисфи шаб Павлус ва Сило дуо гуфта Худоро ҳамду сано мехонданд. Банохост заминҷунбие сар шуд, ки дарҳои зиндонро кушод ва бандиёнро аз завлонаҳояшон озод кард. Зиндонбон бо гумони он ки бандиён гурехта рафтаанд, мехост худро бикушад, Павлус ӯро бовар кунонид, ки ҳеҷ кадоме аз бандиён нагурехтааст. Он гоҳ зиндонбон хитоб кард: «Эй хоҷагон! Чӣ бояд кунам, то ки наҷот ёбам?» Ҷавоб дар ҳақиқат фаромӯшношуданӣ буд: «Ба Исои Масеҳи Худованд бовар кун ва ту ... наҷот хоҳӣ ёфт» (Аъм. 16,30.31). Ин боз як дастоварди баракати илоҳӣ дар Филиппӣ буд. Субҳи дигар волиёни маҳаллӣ аз Павлус ва ҳамроҳони ӯ исроркорона хоҳиш карданд, ки аз шаҳр баромада раванд. Вале Павлус инро рад кард. Ӯ ба онҳо ёдрас намуд, ки ӯро, шаҳрванди Румро, аввал калтаккорӣ карданд ва баъд бе ҳеҷ доварӣ ва тафтиш ба зиндон партофтанд. Пас аз он ки хизматчиёни шаҳр якчанд маротиба аз Павлус хоҳиш карданд, ки шаҳрро тарк кунад, ӯ ва ҳамроҳонаш аввал ба хонаи Лидия ташриф оварданд ва баъд ба роҳ баромаданд (Аъм. 16,40).

Даҳ сол гузашт ва инак Павлус ба филиппиён мактуб менависад. Ӯ боз дар ҳабс мебошад. Филиппиён шуниданд, ки Павлус ба зиндон афтидааст ва ба ӯ пул фиристоданд. Ба Павлус супурдани ин ҳадия ба Эпафрудитус фармуда шуда буд. Супоришро иҷро карда, ӯ қарор дод муддате дар Рум монад ва ба расул дар ин рӯзҳои барои ӯ мушкил ёрӣ диҳад. Дар давоми иҷрои вазифаи худ Эпафрудитус сахт бемор шуд ва аз марг як қадам дур буд. Вале Худо ба ӯ раҳм кард ва аз нав ба по хезонд. Инак, ӯ акнун ба сафари Филиппӣ, ба ҷамоати азизи худ тайёр аст ва расул ин номаи миннатдориро бо ӯ фиристод.

Нома ба Филиппиён мактуби аз ҳама шахсӣ ва самимонаи Павлус мебошад. Аз ин баръало чунин бармеояд, ки ин ҷамоат дар байни дилбастагиҳои самимонаи расул комилан ҷои махсусро ишғол менамуд. Ҳангоме ки мо онро мехонем, назди мо лавҳаи муносибатҳои дутарафаи пурҳаяҷоне кушода мешавад, ки байни расули бузург ва ҷамоати бунёдкардаи ӯ вуҷуд дошт.

## Нақша

I. ДУРУДИ ПАВЛУС, СИТОИШ ВА ДУОИ Ӯ (1,1-11)
II. ПАВЛУС ОИД БА ҲАБС ШУДАНАШ ВА НАҚШАҲОЯШ БАРОИ ОЯНДА ХАБАР МЕДИҲАД ВА БА МАТОНАТ ДАЪВАТ МЕНАМОЯД (1,12-30)
III. ДАЪВАТ БА ЯГОНАГӢ, КИ ДАР ИБРАТИ МАСЕҲ ОИД БА ФУРӮТАНӢ ВА ФИДОКОРӢ АСОС ЁФТААСТ (2,1-16)
IV. ПАВЛУС, ТИМОТИЮС ВА ЭПАФРУДИТУС ЧУН НАМУНАИ МОНАНДӢ БА МАСЕҲ (2,17-30)
V. ОГОҲОНИДАН ДАР БОРАИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (3,1-3)
VI. ПАВЛУС БАРОИ МАСЕҲ АЗ МЕРОС ВА АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ Ӯ НОИЛ ШУДА БУД, ДАСТ КАШИД (3,4-14)
VII. ДАЪВАТ ОИД БА ИБРАТИ РАСУЛРО БА ИНОБАТ ГИРИФТА, ЧУН ШАҲРВАНДОНИ ОСМОН РАФТОР КАРДАН (3,15-21)
VIII. ДАЪВАТ БА ҲАМФИКРӢ, ЁРИИ ҲАМДИГАРӢ, ШОДӢ, ПУРСАБРӢ, ДУОИ ДОИМӢ ВА ИНТИЗОМНОКИИ АНДЕШАҲО (4,1-9)
IX. ПАВЛУС БА МУҚАДДАСОН БАРОИ ЁРИИ МОДДӢ МИННАТДОРӢ БАЁН МЕКУНАД (4,10-20)
X. ДУРУДҲОИ ХОТИМАВӢ (4,21-23)

# Тафсир

## I. ДУРУДИ ПАВЛУС, СИТОИШ ВА ДУОИ Ӯ (1,1-11)

**1,1** Дар сатрҳои аввали ин нома Павлус ва Тимотиюс дар як нафас номбар мешаванд. Вале ин онро ифода намекунад, ки Тимотиюс дар навиштани Нома иштирок кардааст. Дар вақти ба Филиппӣ ташриф овардан ӯ ҳамроҳи Павлус буд, бинобар ин масеҳиёни он ҷо ӯро медонистанд. Акнун бошад *Тимотиюс* аз нав дар назди *Павлус* буд, ки сатрҳои аввалини номаи худро менавишт.

Павлус алҳол пиронсол аст (Филем. 9), Тимотиюс бошад нисбатан ҷавон аст. Ба ҳамин тариқ, ҷавонӣ ва пирӣ даст ба даст ба Соҳиби беҳтарини ҳамаи соҳибҳо хизмат мекарданд. Ин фикрро Ҷоветт хуб баён кардааст: «Дар ин ҷо иттифоқи баҳору тирамоҳ, ғайрат ва маҳорат, чобукӣ ва хирадмандӣ, умеди заиф ва қатъияти орому амиқ ҳаст».

Дар бораи ҳар дуи онҳо ҳамчун дар бораи *ғуломони Исои Масеҳ* гуфта мешавад. Ҳар дуи онҳо Хоҷаи худро дӯст медоштанд. Бандҳои Ҷолҷолто онҳоро ҷовидона ба хизмат ба Наҷотбахш пайвастанд.

*Нома ба ҳамаи муқаддасон дар Исои Масеҳ, ки дар Филиппӣ мебошанд, бо нигаҳбонон ва хизматгузорон* фиристода шудааст. Калимаи «ҳама» дар ин Нома зуд-зуд вомехӯрад. Муҳаббат ва ҳавасмандии Павлус ба *ҳамаи* фарзандони Худованд паҳн мешуд.

Расул бо суханони *«ба муқаддасон дар Масеҳ Исо, ки дар Филиппӣ мебошанд»* ҳолати духелаи масеҳиёнро тасвир менамояд. Агар сухан дар бораи вазъияти рӯҳонии онҳо равад, онҳо аз тарафи Худо *дар Исои Масеҳ* ҷудо карда шуда буданд. Агар сухан дар бораи мавқеи ҷуғрофии онҳо равад, онҳо *дар Филиппӣ* буданд. Ба ҳамин тариқ; онҳо дар як замон дар ду ҷой буданд!

Сипас расул *нигаҳбонон ва хизматгузоронро* номбар мекунад. *Нигаҳбонон* дар ҷамъомад пирон ё нозирон буданд. Ин одамон нисбат ба рамаи Худо вазифаи шубонро иҷро мекарданд ва ба рама бо ибрати шахсии тақводорӣ роҳ нишон медоданд. *Хизматгузорон* бошанд хизматчиёни ҷамоат буда, эҳтимоли қавӣ дорад, ки соҳаи моддии ҳаёти онро идора мекарданд, ба монанди молия ва ғайра.

Яъне, дар ҷамоат танҳо ин се гурӯҳ буданд – *муқаддасон, нигаҳбонон ва хизматгузорон.* Агар дар он ягон хел ходими касбии ҷамоат мебуд, Павлус албатта ӯро ҳам номбар мекард. Ба ҷои ин ӯ дар бораи *нигаҳбонон* (дар шумораи ҷамъ) ва *ходимон* (инчунин дар шумораи ҷамъ) сухан меронад.

Дар ин ҷо дар пеши назари мо лавҳаи ҳайратангези содагӣ дар ташкили ҳаёти ҷамоат дар ибтидои масеҳият намоён мешавад. Пеш аз ҳама муқаддасон, баъд аз он роҳбарони рӯҳонии онҳо ва охирин хизматгорони мувaққатии онҳо зикр карда мешаванд. Ва тамом!

**1,2** Дар дуруди барои худаш хос Павлус ба муқаддасон *файз ва осоиш* орзу мекунад. *Файз* дар ин ҷо на он файзест, ки ба гуноҳкор дар вақти бахшиш хостани ӯ марҳамат карда мешавад, балки онест, ки ӯ бояд ҳамеша дар назди тахти файз барои мадади саривақтӣ ба даст орад (Ибр. 4,16). Айнан ҳамин тарз *осоиш* ҳам, ки дар бораи он Павлус барои онҳо металабад, ин на ба он андоза осоиш бо Худост, ки онҳо аллакай ба даст овардаанд, балки он *осоиши Худост,* ки дар вақти дуо ва шукргузорӣ дилҳоро фаро мегирад (4,6.7).

Ҳар дуи ин баракат *аз Худо Падари мо ва Худованд Исои Масеҳ* мебароянд. Расул Писарро баробари Падар баланд қадр менамояд (Юҳ. 5,23). Исои Масеҳ барои Павлус, бе ҳеҷ шакку шубҳа, Худо буд.

**1,3** Акнун Павлус дили худро дар мадҳияи шукргузорӣ холӣ мекунад. Барои расул дар ин ҳеҷ чизи ғайриодӣ нест. Деворҳои зиндон дар Филиппӣ сурудҳои Павлус ва Силоро ҳангоми бори аввал ба ин шаҳр омадани онҳо шунида буданд. Алҳол, вақте ӯ ин сатрҳоро менависад, расул, эҳтимол, дар маҳбаси Рум мебошад ва ба ҳар ҳол «суруд дар шаб»-ро месарояд. Оҳ ин Павлуси якрав! *Ҳар боре ки* филиппиёнро *ёд мекунад,* дар дили ӯ ҳисси миннатдорӣ бедор мешавад. Онҳо на танҳо фарзандони ӯ дар имон буданд, балки аз бисёр ҷиҳатҳо боз ҷамоати намунавӣ будаанд.

**1,4** *Дар ҳар дуо* Павлус *бо шодӣ* оид ба филиппиён хоҳиш мекард. Оид ба онҳо дуо гуфтан барои ӯ ҳаргиз на кори вазнин ва дилбазан, балки хурсандии ҳамешагӣ буд. Аз ин ва низ аз бисёр сатрҳои ба ҳамин монанд дар номаҳои Павлус мо мефаҳмем, ки ӯ одами дуогӯй буд. Бе ҳеҷ гуна таҳқиқи минбаъда аён мегардад, ки чаро меҳнати ӯ барои Худо ин қадар

ҷозибу самаранок аст. Агар ҳамаи он ҷойҳои рафтаи ӯ ва масеҳиёни зиёди бо ӯ шиносро ба хотир оварем, аз шавқмандии зиёди шахсии ӯ, ки ӯ ба ҳамаи онҳо зоҳир мекард, ҳайрон нашудан мумкин нест.

**1,5** Яке аз сабабҳои мушаххас барои шукргузории ӯ *иштироки* онҳо дар *башорат аз рӯзи аввал то ҳоло* аст. Ин *иштирок* аз ёрии моддӣ ҳам иборат буда метавонист, вале дар айни замон қисмати ҳатмии он дастгирӣ бо дуо ва садоқати самимӣ ба паҳнкунии Хушхабар буд. Суханони Павлусро *дар бораи рӯзи аввал* хонда, беихтиёр суол медиҳӣ: оё зиндонбони ба мо шинос то он рӯзе ки ин нома дар пеши умум дар ҷамъомади филиппиён хонда мешуд, зинда монд? Агар ҳа, пас суханони расули бузург албатта, ба торҳои беҳтарини ҷони ӯ таъсир карданд.

**1,6** Дар бораи қадамҳои ин қадар аҷоиби дар роҳи масеҳият гузоштаи филиппиён ёдовар шуда, расул *дилпур аст,* ки Худо *кори хайрро, ки сар кардааст,* ба анҷом хоҳад расонд.

*Меҳнатеро, ки шафқати Ӯ сар кардааст,*
*Дасти пурқудрати Ӯ ба анҷом мерасонад.*
*Ҳамаи ваъдаҳои Ӯ «бале» ва «омин» ҳастанд,*
*Ӯ ҳеҷ гоҳ ба суханони Худ хиёнат намекунад.*[2]

Огаст М. Топледӣ

*Кори хайри* Худо дар ин ҷо ба натҷоти онҳо ё ба дастгирии фаъолонаи моддӣ барои мавъизаи Хушхабар дахл дошта метавонад. *Рӯзи Исои Масеҳ* вақти дуюмбора омадани Ӯст, вақте ки Ӯ халқи Худро ба хона ба осмонҳо мегирад. Эҳтимол, дар ин ҷо сухан дар бораи Курсии Доварии Масеҳ низ меравад, вақте ки хизмати ҳар як масеҳӣ дида баромада ва мукофотонида мешавад.

**1,7** Павлус боварӣ дорад, ки ӯ ҳуқуқи миннатдор будан барои филиппиёнро дорад. Ӯ дар *дили* худ хотираи садоқати онҳоро нигоҳ медорад, зеро онҳо омода буданд ҳамеша ҳамроҳи ӯ бошанд – дар сафар, дар маҳкама, дар зиндон бахри *муҳофизату исботи Инҷил. Муҳофизати Инҷил* гуфта, ҷавобҳо ба фикру мулоҳизаҳои танқидӣ дар хусуси Хушхабар дар назар дошта шудаанд ва ҳол он ки *исботи Инҷил* ба кори ҷойгиршавии боз ҳам мустаҳкамтари Хушхабар дар дилҳои онҳое алоқа дорад, ки аллакай имон овардаанд. В. Е. Вайн менависад: «Хушхабар душманони худро сарнагун мекунад ва ба дӯстони худ қувваи нав мебахшад».[3] *Файз* дар ин ҷо қувваест, ки онро бо ҳеҷ чиз сазовор нашудаем. Он ба мо аз тарафи Худо барои давом додани меҳнат барои Худованд ато карда мешавад, ҳатто ҳамон вақте ки мо ба муқобилати шадид дучор шудаем.

**1,8** Хотираи ҳамкории садоқатмандонаи онҳо расулро водор месозад аз нав ҳамроҳи онҳо буданро бо эҳтирос хоҳад. Ӯ *Худоро* барои шаҳодат додан даъват менамояд, ба он ки ӯ онҳоро чӣ қадар сахт *бо меҳри Исои Масеҳ* дӯст медорад. Ин изҳори дӯстдорӣ дар чашми мо аҳамияти боз зиёдтареро пайдо мекунад, агар ба хотир орем, ки расул аслан яҳудинажод буд, вале ба одамони собиқ бутпараст менавишт. Файзи Худо монеаҳои нафрати чандинасраро барҳам дод ва акнун ҳамаи онҳо дар Исои Масеҳ дар ягонагии комил мебошанд.

**1,9** Дар ин ҷо шукргузорӣ ҷои худро ба дуои илтимоскунанда медиҳад. Оё Павлус барои онҳо сарват, лавозимоти зарурӣ, ё ин ки раҳоӣ ёфтан аз ҳар гуна нохушиҳоро хоҳиш мекунад? Не, ӯ хоҳиш мекунад, ки *муҳаббати онҳо дар дониш ва камоли фаҳм торафт афзунтар гардад.* Мақсади асосии зиндагонии масеҳӣ муҳаббат ба Худо ва *меҳр ба* дигар одамон аст. Вале муҳаббат на танҳо мавҷи эҳсосот аст. Дар хизмати самаранок ба Худованд мо бояд хиради худро истифода барем ва бо *камоли фаҳм* амал намоем. Вагарна ҳамаи ҷидду ҷаҳди мо муваффақият надоранд. Бинобар ин Павлус дар ин ҷо на танҳо барои он дуо мегӯяд, ки филиппиён минбаъд ҳам муҳаббати масеҳиро зоҳир намоянд, балки барои он ки онро *дар дониш* ва *камоли фаҳм* ба ҷо оранд.

**1,10** Муҳаббате ки ба ҳамин тариқ маърифатнок карда шудааст, ёрӣ медиҳад, то дарк намоем, ки чӣ беҳтар аст. Дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ чизи хуб ҳаст, вале беҳтарин ҳам ҳаст. Чизи хуб аксаран ба чизи беҳтарин душман мешавад. Барои дар хизмат ба натиҷаҳои баландтарин ноил шудан ин фарқро возеҳ дидан лозим аст.

Муҳаббате ки ҳамин тавр маърифатнок карда шудааст, ба онҳо имконияти аз ҳама чизи шубҳаомез ё поёнкашанда раҳоӣ ёфтанро медиҳад. Павлус мехост онҳоро *дар рӯзи Масеҳ пок,*[4] яъне пурра шаффоф, бе ягон доғи гуноҳ бинад. *«Беайб»* тамоман бегуноҳро ифода намекунад. Ҳамаи мо гуноҳ мекунем, вале

ҳамон кас беайбу пок аст, ки гуноҳро эътироф менамояд ва тарк мекунад, аз онҳое ки бар зиддашон гуноҳ кардааст, бахшиш мепурсад ва ҳамин ки имконият даст дод, барои зарари ба онҳо расонидааш товон медиҳад.

*Рӯзи Масеҳ,* чӣ хеле ки дар ояти 6 мебошад, ба осмон гирифта шудани Ҷамоат ва доварии дарҳол пас аз ин меомада мебошад, ки дар он амалҳои масеҳиён дида баромада мешаванд.

**1,11** Хоҳиши охирин дар дуои расул он аст, ки масеҳиён *аз самарҳои ростсорӣ пур шаванд,* яъне ҳамаи *самарҳоеро,* ки *ростсорӣ* меоварад, ё ин ки ҳамаи некӯкориҳои масеҳиро соҳиб бошанд, ки дар якҷоягӣ зиндагонии тақводорона мебошад. Сарчашмаи ин некӯкориҳо *Исои Масеҳ* мебошад, мақсади онҳо бошад *ҷалол ва ситоиши Худост.* Ин хоҳиши Павлус ба суханон аз Ишаъё 61,3 монанд аст: «Ва онҳо дарахтони ростсорӣ номида хоҳанд шуд (аз *самари ростсорӣ пур),* ки Худованд (ба *воситаи Исои Масеҳ)* барои ҷалоли Худ шинондааст *(барои ҷалол ва ситоиши Худо)».*

«Калимаи *самар* – менависад Леман Штраус – муносибати моро бо Масеҳ ва онро, ки Ӯ аз мо интизор аст, ба хотир меорад. Шохаҳо ва навдаҳо дар токи ангур барои самар овардан месабзанд».[5]

## II. ПАВЛУС ОИД БА ҲАБС ШУДАНАШ ВА НАҚШАҲОЯШ БАРОИ ОЯНДА ХАБАР МЕДИҲАД ВА БА МАТОНАТ ДАЪВАТ МЕНАМОЯД (1,12-30)

**1,12** Дуо ба охир расид. Акнун Павлус баракатҳои ба ӯ атошударо номбар мекунад, яъне нафъи аз ҳабс ба даст овардаашро тасвир менамояд. Ин боброро Ҷовэтт «бахти бадбахтӣ» номидааст.

*Расул* мехоҳад бародарон донанд, ки он чи бо ӯ рӯй дод, *яъне доварӣ ва зиндонӣ шудан, боиси пешрафти зиёдтари башорат гардидааст,* ва дар роҳи ӯ монеа нашудааст, чунон ки интизор шудан мумкин буд. Ин боз як намунаи аълои он аст, ки чӣ гуна Худо фоҷиаро ба пирӯзӣ табдил дода, дар хокистар зебоӣ рӯёнида, бар ҳама фитнаҳои рӯҳҳои бадкор ва одамон ғалаба мекунад. «Дили одамӣ пур аз бадист, вале Худо метавонад бадиро ҳам ба хизмати Худ гузорад».

**1,13** Пеш аз ҳама, ба ҳама маълум гашт, ки *занҷирҳои* Павлус *дар Масеҳ* аст. Расул бо ин гуфтан мехоҳад, ки дар тамоми гирду атроф хабар паҳн шудааст, ки ӯро на барои ягон ҷиноят, балки барои шаҳодат дар бораи Масеҳ ба зиндон партофтанд.

Сабаби ҳақиқии ҳабси ӯ ба тамоми *сарбозхона ва ба ҳамаи дигарон* маълум гашт. Дар зери маънии *сарбозхона* дар ин ҷо ё тамоми посбонони сарбозхона, яъне сарбозони румӣ, ки қасри қайсарро посбонӣ мекарданд, ё худи претория дар назар дошта шудааст. Претория *(сарбозхона)* қасри қайсар аст ва дар ин маврид ба ин мафҳум ҳамаи сокинони он низ дохил карда шудаанд. Вале ба ҳар ҳол Павлус мегӯяд, ки дар ҳабс будани ӯ барои аркони давлати империяи Рум шаҳодат гардид.

Т. В. Драрӣ менависад:

*Худи ҳамон занҷире ки румиён дастони бандиро бо он мебастанд, шунавандаро низ ба ӯ побанд мекард, ва баъд ин шунаванда дар бораи азоби пурсаброна барои Масеҳ ба одамоне нақл мекунад, ки эҳтимол, рӯзи дигар ба худи Нерон хизмат хоҳанд кард.*[6]

**1,14** Боз як самараи фоиданоки ҳабс шудани ӯ: он масеҳиёни дигарро ба нотарсии боз ҳам зиёдтар дар шаҳодаташон оид ба Худованд Исои Масеҳ илҳом мебахшид. Таъқибот аксаран ба он оварда мерасонанд, ки масеҳиёни ором ва шармгин ба шоҳидони диловар табдил меёбанд.

**1,15** Дар дили баъзе касон ҳасад ва рақобат ҳукмрон буд. Ин одамон аз рӯи *ҳасад,* Павлусро пешдастӣ карданӣ шуда, *Масеҳро* мавъиза менамуданд.

Ниятҳои дигарон бошад самимӣ ва пок буданд; онҳо бо дили пок ба расул ёрӣ доданӣ шуда, *бо хайрхоҳӣ* Масеҳро мавъиза менамуданд.

**1,16** Мавъизагарони ҳасуд гумон мекарданд, ки бо ин амал ҳабси Павлусро барояш бештар тоқатфарсо мекунанд. Хабаре ки онҳо ба одамон мебурданд, хеле хуб буд, вале хислати онҳо нафратангез буд. Эътироф кардан таассуфангез аст, ки хизмати масеҳӣ метавонад ҷисман ба ҷо оварда шавад ва ҳасад, ғурур, ҳирс, низоъ қувваҳои пешбаранда буда метавонанд. Ин боз як маротиба ба мо ёдрас менамояд, ки мунтазам таҳлил кардани он ки чаро ва бо чӣ мақсад мо ин ё он хизматро барои Худованд адо менамоем, то чӣ андоза муҳим аст.

Мо ҳақ надорем инро барои қонеъ кардани ғурури худ, бахри васеъкунии доираи таъсири ягон гурӯҳи масеҳӣ, ё кӯшиши бар дигар масеҳиён ғолиб омадан кунем.

Дар ин ҷо ба мо яке аз намунаҳои равшани зарурати истифодаи муҳаббат дар хирад ва идрок пешниҳод карда шудааст.

**1,17** Дигарон бошанд Хушхабарро *аз муҳаббати* пок ва самимӣ мавъиза намуда, *медонистанд,* ки Павлус қатъиян қарор додааст *Инҷилро муҳофизат намояд.* Дар хизмати онҳо ҳеҷ чизи худбинона, фирқагароёна ё бераҳмона набуд. Онҳо хуб медонистанд, ки Павлусро барои он ба зиндон партофтанд, ки ӯ чунин диловарона Хушхабарро муҳофизат менамуд. Бинобар ин онҳо барои давом додани кори ӯ саршори бебокӣ буданд, дар ҳоле ки имкониятҳои худи расул хеле маҳдуд карда шуда буданд.

**1,18** Павлус барои он ки мақсади баъзеҳо он қадар ҳам пок набудааст, маъюс шуданӣ нест. *Масеҳро* ҳам инҳо ва ҳам дигарон *мавъиза менамоянд* ва ин барои расул сабабе барои шодии бузург мебошад.

Дар ин ҷо он чиз мароқовар аст, ки ҳатто дар чунин шароити ғайриодӣ Павлус ба худаш дилсӯзӣ ҳис намекунад ва дар дигарон ҳамдардӣ намеҷӯяд. Зиёда аз он дили ӯ пур аз шодии Худованд аст ва Ӯ хонандагони худро низ ба шодӣ кардан даъват менамояд.

**1,19** Дурнамои оянда бағоят умедбахш мебошад. Расул медонад, ки тамоми рафти ҳодисаҳо ҳатман *боиси наҷоти* ӯ мешаванд. Дар зери мафҳуми *наҷот* дар ин ҷо на наҷоти ҷони Павлус, балки озод шудани ӯ аз зиндон дар назар дошта шудааст. Воситаҳое ки Худо барои озод кардани ӯ истифода мебарад – *дуои* филиппиён ва хизмат, ё ин ки *ёрии Рӯҳи Исои Масеҳ* аст. Тааҷҷубовар аст, ки Павлус дуоҳои чанд тани хеле ками масеҳиёнро чӣ гуна баланд баҳо медиҳад. Ӯ боварӣ дорад: қувваи онҳо чунон бузург аст, ки метавонанд нақшаҳои Румро барҳам зананд ва ба иқтидори ӯ муқобилат намоянд. Ва ин дар ҳақиқат чунин аст: масеҳиён бо дуоҳои худ метавонанд ба тақдири халқҳо таъсир расонанд ва рафти таърихро тағйир диҳанд.

Дар зери мафҳуми *ёрии Рӯҳи Исои Масеҳ* дар ин ҷо тамоми иқтидори *Рӯҳулқудс*, ки ба ёрии расул меояд, дар назар дошта шудааст. Умуман бо ин мафҳум он манбаъҳои беинтиҳо дар назар дошта шудаанд, ки Рӯҳ ба ихтиёри масеҳиён медиҳад, то онҳо новобаста ба шароит ва вазъиятҳое ки ба миён меоянд, устувор бошанд.

**1,20** Расул ба мавзуи дуои масеҳиён ва дастгирии Рӯҳулқудс дахл карда, оид ба хоҳиши гарму ҷӯшони худаш ва *умеди* он мегӯяд, ки ӯ ҳеҷ гоҳ *шарманда намешавад*, балки ҳамеша бебокона ва кушоду равшан оид ба Масеҳ шаҳодат медиҳад.

Новобаста ба он ки натиҷаи мурофиа чӣ хел мешавад – Павлус озод карда мешавад ё қатл карда мешавад – хоҳиши асосии ӯ он аст, ки *Масеҳ* дар *бадани ӯ бузургӣ ёбад.* Масеҳро болобардор кардан Ӯро боз ҳам бузургтар кардан нест. Ӯ аллакай бузург аст ва ҳеҷ коре карда наметавонем, ки ба Ӯ бузургӣ зам кунад. Ӯро болобардор кардан – дигаронро ба мадҳ кардани Масеҳ водор кардан аст. Гай Кинг нишон медиҳад, ки чӣ тавр Масеҳ дар *бадани мо бузургӣ меёбад:*

*Бузургӣ ёфтааст бо даҳоне ки шаҳодати хурсандиоварро дар бораи Ӯ мегӯяд; бузургӣ ёфтааст бо дастоне ки дар хизмати фараҳбахш ба Ӯ монда нашуда меҳнат мекунанд; бузургӣ ёфтааст бо пойҳое ки бо супориши Ӯ хушнудона мешитобанд; бузургӣ ёфтааст бо зонуҳое ки дар Подшоҳии Ӯ дар дуо хуррамона хам гаштаанд; бузургӣ ёфтааст бо китфоне ки бо шодмонӣ борҳои дигаронро бардошта мебаранд.*[7]

Масеҳ дар баданҳои мо ҳамчунин *дар марг бузургӣ ёфта* метавонад – дар баданҳое ки ҳамаи қувваи худро ба хизмати Ӯ додаанд; дар баданҳое ки бераҳмона бо найзаҳо сӯрох карда шудаанд; дар баданҳое ки бо сангҳо захмдор шудаанд ё дар гулхан сӯзонида шудаанд.

**1,21** Дар ин ҷо дар якчанд калима фалсафаи ҳаёти Павлус нақл карда шудааст. Мақсади мавҷудияти ӯ на пул, на шуҳрат ё на лаззат буд. Маънии зиндагии ӯ дӯст доштани Худованд Исо, парастиш ва хизматро ба Ӯ дар бар мегирад. Ӯ мехост, ки зиндагии ӯ ба зиндагии *Масеҳ* монанд бошад. Ӯ мехост, ки Наҷотдиҳанда дар ӯ бо ҳаёти Худ зиндагӣ кунад.

*Ва марг фоида аст.* Мурдан – бо Масеҳ будан ва ҷовидона ба Ӯ монанд шудан аст. Ин – бо диле ки дигар ҳеҷ гоҳ гуноҳро намедонад ва бо пойҳое ки дигар ҳеҷ гоҳ пешпо намехӯранд, ба Ӯ хизмат кардан аст. Одатан маргро фоида

ҳисобидан қабул нашудааст. Мутаассифона, имрӯз дар ҷаҳон қонуне ҳукмфармост: «Зиндагӣ дастоварди заминист, марг анҷоми ҳамин дастовард аст». Ҷоветт менависад: *«Марг барои расул Павлус асло нақби торик набуд, ки дар он ҷо тамоми ганҷи мо дар як мижа задан аз байн меравад ва хоку туроб мешавад; он – ҷои гузариши пурфайз, роҳе буд, ки ба нур мебарад»*.[8]

**1,22** Агар Худо хоҳад, ки Павлус боз як муддат *дар ҷисм* зиндагӣ кунад, ин маънои онро дорад, ки расулро меҳнати пурсамар дар пеш аст. Ӯ метавонад баъд аз ин ҳам ба халқи Худо ёрӣ расонад. Вале барои худи расул ҳалли масъала осон набуд, ки оё ба назди Наҷотбахш, ки ӯ ин қадар дӯсташ медошт, равад, ё дар замин монад ва ба Худованд, ки ба Ӯ дилбастагии хеле зиёд дошт, хизмат карданро давом диҳад. Ӯ намедонист чиро *интихоб кунад.*

**1,23** *Ҳар дуяш ҳам маро ҷалб мекунад.* Аз Павлус қабули қарори душвор талаб карда мешуд: интихоб кардан, ки ба хона ба осмонҳо равад, ё ин ки дар замин ба сифати расули Исои Масеҳ монад.

У бо эҳтирос мехост *баромада* равад *ва бо Масеҳ* бошад, *чунки ин беандоза беҳтар аст.* Агар ӯ танҳо ғами худро мехӯрд, ӯ бе ягон шакку шубҳа маҳз ҳаминро интихоб мекард.

Диққат диҳед, ки Павлус ба ягон хел назария оид ба хоби ҷон бовар намекард. Ӯ боварӣ дошт, ки масеҳӣ пас аз мурдан назди *Масеҳ* меравад ва комилан бошуурона аз ҳузури Худованд лаззат мебарад. Дар забони ӯ ғояе ки имрӯз тарафдорони зиёд дорад, ба гӯш чӣ хел хандаовар мерасид: «Зиндагӣ Масеҳ аст; хоб фоида аст». Ё ин ки «Рафтан ва хобидан беандоза беҳтар аст». Аҳди Нав калимаи «хоб»-ро нисбати ҷисми масеҳии мурда истифода мебарад, вале ҳеҷ гоҳ нисбати ҷони ӯ истифода намебарад. Хоби ҷон хаёлоти беҳуда аст.

Ба он низ диққат диҳед, ки маргро бо омадани Наҷотдиҳанда набояд омехта кард. Пас аз мурдан мо меравем, то *ҳамроҳи Масеҳ бошем.* Ҳангоми Болошавии ҷамоат Ӯ Худаш назди мо меояд.

**1,24** *Барои* филиппиён зиндагии Павлус дар замин *зарууртар* буд. Ба фидокории ин одами олиҳиммат ҳайрон нашудан ғайриимкон аст. Ӯ на дар бораи он чи барои худи ӯ осонтар ва писандидатар аст, балки оид ба он чи ба кори Масеҳ фоидаи бузург оварда метавонад ва барои манфиати халқи Ӯст, фикр мекард.

**1,25** Ба ҳар ҳол дар замин барои муқаддасонро панд додан, дилбардорӣ кардан, рӯҳбаланд намудан лозим буданашро *аниқ* дониста, Павлус шубҳа надошт, ки ин дафъа ӯро қатл нахоҳанд кард. Ӯ инро аз куҷо медонист? Мо чунин мешуморем, ки расул бо Худованд дар робитаи чунон зич мезист, ки Рӯҳулқудс метавонист ба ӯ ин донишҳоро диҳад. «Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст» (Заб. 24,14). Касе ки ғарқи андешаҳои илоҳӣ зиндагонӣ мекунад, дар вақти оромона андеша рондан розҳоеро, ки бо гулдурросҳо, шитоб ва давуғеҷи зиндагии имрӯза пахш карда мешаванд, мешунавад. Барои шунидан паҳлу ба паҳлу истодан лозим аст. Павлус паҳлу ба паҳлу меистод.

Дар ҷисм буда, Павлус ба *пешрафти* имон ва афзуншавии *шодии* онҳо, ки ба Худованд умед бастанро ато мекард, мусоидат намуда метавонад.

**1,26** Чун расул *бори дигар* назди онҳо меояд, филиппиён зинда мондан ва хизматашро дар замин давом додани ӯро дида, боз як сабаби дар Худованд шодӣ карданро пайдо мекунанд. Тасаввур кардан душвор нест, бо чӣ гуна шодӣ онҳо Павлусро ба оғӯш мегиранд ва мебӯсанд, бо чӣ гуна хурсандӣ Худовандро ҳамду сано мегӯянд, вақте ки расул ба Филиппӣ меояд! Мумкин аст онҳо гӯянд: «Павлус, мо барои ту дуо гуфтем, вале ҳеҷ интизор набудем туро аз нав дар шаҳрамон бинем. Аммо мо аз Худованд хеле миннатдорем, ки Ӯ туро ба мо аз нав баргардонд!»

**1,27** Ба ин Павлус якчанд сухани огоҳкунӣ илова мекунад: *Фақат ин ки шоистаи Инҷили Масеҳ умр гузаронед.* Масеҳиён бояд ба Масеҳ монанд бошанд. Шаҳрвандони осмон бояд ба таври муносиб рафтор кунанд. Рафтори мо набояд ба мақоми мо мухолифат намояд.

Расул хоҳони пайдарҳамии мантиқӣ дар рафтори муқаддасон аст. Илова ба ин ӯ аз онҳо хоҳиш менамояд, ки устувор бошанд. Ӯ аз ҷумла, мехоҳад донад, ки новобаста ба он ки худи ӯ ба назди онҳо меояд, ё ин ки дар бораи онҳо фақат мешунавад, онҳо устуворона *дар як рӯҳ пойдор* истода, *якдилона* барои *имони Инҷил* ё *имони* масеҳӣ ҳамаи қувваро сарф карда меҳнат хоҳанд кард. Масеҳиён як душмани умумӣ доранд ва онҳо набояд бар зидди

якдигар мубориза баранд, балки бояд ба муқобили ин душман муттаҳид гарданд.

**1,28** Онҳо набояд аз душманони Хушхабар *тарсанд.* Ба фикри расул бебокӣ рӯ ба рӯи таъқибот аҳамияти дутарафа дорад. Аввал ин ки он маҳв шудани ҳамаи онҳоеро, ки бар зидди Худо мубориза мебаранд, пешгӯӣ мекунад. Дуюм ин ки он барои касоне ки аз ғазаби душман наметарсанд, чун аломати *наҷот* хизмат мекунад. Калимаи *«наҷот»* дар ин ҷо, эҳтимол, нисбат ба оянда кор фармуда шудааст, вақте ки муқаддасон ҳамешагӣ аз ҳар гуна озмоиш наҷот меёбанд, ва *наҷоти* ҳам ҷисми онҳо ва ҳам рӯҳу ҷони онҳоро дар назар дорад.

**1,29** Филиппиён бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки *имон овардан* ба Масеҳ ва *азоб кашидан барои Ӯ* – имтиёзи бузург аст.

Доктор Гриффит Ҷон навишта буд, ки боре, ҳангоме ки тӯдаи душман ӯро аз ҳар тараф иҳота карда лату кӯб намуданро сар кард, ӯ кафашро ба рӯяш гузошт. Ҳангоме ки дасташро поён кард, дид, ки он пур аз хун аст. Банохост ӯро ваҷди баённопазир фаро гирифт ва ӯ шод гардид, ки сазовор шудааст барои номи Ӯ азоб кашад. Магар ҳайратовар нест, ки масеҳият ҳатто азобро ба ин гуна баландии дастнорас боло бардошт? Дар ҳақиқат, «ҳатто чунин чизи гӯё беҳуда бо оташи хомӯшнашаванда дармегирад, агар бо торҳои канданашаванда бо Беинтиҳо алоқадор бошад». Салиб муаззам мегардонад ва нексиришт мекунад.

**1,30** Алоқаи ин оятро бо ояти аввала фаҳмидан осонтар мегардад, агар суханони «зеро ки шумо иштирок мекунед» илова карда шаванд.

*«Ба шумо шарафи азоб кашидан барои Масеҳ дода шуда буд, зеро шумо дар муҳорибае иштирок мекунед, ки ман ҳам дар он иштирок мекунам. Ман инро дар он даврае карда будам, ки дар Филиппӣ будам, ки ба он шумо гувоҳ ҳастед, инро ҳоло ҳам мекунам, ки дар ин бора шумо чандин карат шунидаед».*

## III. ДАЪВАТ БА ЯГОНАГӢ, КИ ДАР ИБРАТИ МАСЕҲ ОИД БА ФУРӮТАНӢ ВА ФИДОКОРӢ АСОС ЁФТААСТ (2,1-16)

Ҳарчанд ҷамоат дар Филиппӣ аз бисёр ҷиҳатҳо намунавӣ буд ва Павлус на як бор дар бораи муқаддасони он бо самимият баҳо дода буд, дар дарёи зиндагии он ба ҳар ҳол ҷараёни ноаёни низоъҳо мавҷуд буд. Инак, масалан, дар байни ду зан, Авҳудия ва Сунтихӣ ихтилоф буд (4,2). Ба ин далел таваҷҷуҳ кардан фоидаовар аст, ки дар боби 2 расул бевосита ба сабаби низоъҳо дар байни халқи Худо ва ба роҳҳои аз онҳо халос шудан муроҷиат менамояд.

**2,1** *«Агар»* дар ин оят на дар бораи шубҳа огоҳӣ медиҳад, балки ба ибтидои далел далолат менамояд. Дар оят чор мулоҳизаи асоснок номбар карда мешаванд, ки масеҳиёнро дар ягонагии комил дар мувофиқат ва ҳамкорӣ бояд муттаҳид созанд. Дар асл расул мегӯяд: «*Азбаски дар Масеҳ* тасаллӣ ин қадар зиёд аст, *азбаски муҳаббати Ӯ* чунон боварибахш аст, *азбаски Рӯҳулқудс* ҳамаи моро ба чунин *мушоракати* дилпазир муттаҳид месозад, *азбаски* дар масеҳият *марҳамат* ва *дилсӯзӣ* чунон фаровон аст, пас мо бояд бо якдигар дар мувофиқати хушбахтона зиндагӣ карда тавонем».

Ф. Б. Мейер ин чор сабаби водоркунандаро чунин тасвир менамояд.

1. *Эътимоднокии Масеҳ.*
2. *Ғамхории меҳрубононае ки аз муҳаббат бармеояд.*
3. *Умумияти Рӯҳ.*
4. *Одамият ва дилсӯзӣ.*[9]

Расул ба ягонагие даъват мекунад, ки дар садоқати умумӣ ба Масеҳ ва дорои Рӯҳулқудс будан, ки низ барояшон умумист, асос ёфтааст. Акнун ки онҳо ҳамаи он чизҳоеро, ки *дар Масеҳ* ниҳон аст, доранд, байни аъзоёни Бадани Ӯ бояд ягонагии мақсад, дилбастагии тарафайн, ризоият ва дилсӯзӣ ҳукмрон бошанд.

**2,2** Агар ҳамаи далелҳои дар боло номбаршуда барои филиппиён арзише дошта бошанд, пас дар асоси ин далелҳо Павлус хоҳиш менамояд, ки онҳо *шодии ӯро пурра кунанд.* Тамоми ин муддат филиппиён дар ҳақиқат ба Павлус шодии зиёд мебахшиданд. Ӯ инро рад карданӣ нест, вале аз онҳо то лабаш пур карданӣ ҷоми хурсандии ӯро хоҳиш менамояд. *Дорои як фикр, дорои як муҳаббат, якдил ва ҳамфикр буда,* онҳо чунин карда метавонанд.

Оё аз ин чунин бармеояд, ки ҳамаи масеҳиён бояд якхела фикр кунанд ва якхела амал намоянд? Дар Каломи Худо мо дар ҳеҷ ҷо ишораи ба ҳамин монандро ҳам намеёбем. Дар ҳоле ки дар масеҳият бояд оид ба ҳақиқатҳои бузурги асосӣ байни муқаддасон ҳеҷ гуна

мухолифат набошад, ҷои шубҳа нест, ки дар масъалаҳои дуюмдараҷа ақидаҳои гуногуни зиёд буда метавонанд. «Якшаклӣ» ва «ягонагӣ» комилан ҳамон як чиз нест. Дуюмӣ комилан бе якумӣ вуҷуд дошта метавонад. Ҳарчанд мо оид ба ягон хел масъалаҳои дуюмдараҷа ақидаҳои аз нуқтаи назари умум фарқкунанда дошта метавонем, барои хайрияти дигарон мо вазифадорем фикрамонро дар худ нигоҳ дорем (агар сухан дар бораи ҳақиқатҳои асосӣ наравад).

*Дорои як фикр будан* воқеан хиради Масеҳро доштан, ҳамаро бо чашмони Ӯ дида, ба ҳодисаҳо чунон ки Ӯ ҷавоб медод, ҷавоб доданро ифода мекунад. *Дорои як муҳаббат будан* – нисбат ба дигарон зоҳир намудани ҳамон як муҳаббатест, ки Худованд ба мо зоҳир намудааст, муҳаббате ки ҳеҷ гуна сарфу хароҷотро ба назари эътибор намегирад. *Якдил будан* – якҷоя, бахри мақсади умумӣ дар ризоияти пурра меҳнат кардан мебошад. Ва ниҳоят, *ҳамфикр будан* – ҳамеша муттафиқона бaромад кардан аст, то нишон диҳем, ки тамоми фаъолияти моро хиради Масеҳ роҳнамоӣ мекунад.

**2,3** *Аз рӯи худхоҳӣ ё шуҳратпарастӣ ҳеҷ коре* набояд кард, зеро ин ду чиз душмани хатарноки ягонагӣ байни халқи Худо мебошад. *Худхоҳӣ* хоҳиши аввалин будан аст, дар бадали ҳар чизе ки бошад. *Шуҳратпарастӣ* аломати такаббур, худнамоӣ мебошад. Дар ҳама ҷое ки одамони дар атрофи худ гурӯҳи тарафдоронро ҷамъ мекарда ё мақсадҳои худро ба дигарон бор мекарда пайдо мешаванд, ҳамеша тухми низоъ ва мунoқиша кошта мешавад. Давои ин дар қисми дуюми оят нишон дода шудааст. *Бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ беҳтар донед*. Ин онро ифода намекунад, ки мо бояд ҷинояткоронро нисбат ба худамон одамони дорои маънавиёти баландтар ҳисобем; ин танҳо онро ифода мекунад, ки мо бояд худбиниро фаромӯш карда, манфиатҳои онҳоро аз манфиатҳои худамон болотар гузошта, барои дигарон зиндагӣ кунем. Дар Каломи илоҳӣ ба ин монанд пандро хондан осон аст, вале ба дили мо соҳиб шуданро иҷозат додан ва баъд дар зиндагонии ҳаррӯза пайравӣ ба онро сар кардан комилан осон нест. Принсипи *якдигарро аз худ авло донистан* ба ҳамаи тасаввуротҳои инсонӣ оид ба зиндагӣ мухолифат мекунад ва одам ҳақиқатан танҳо ба қувваи худ такя карда, ба он пайравӣ карда наметавонад. Мо танҳо ҳамон вақт чунин зиндагӣ карда метавонем, ки Рӯҳулқудси дар мо мезиста барои ин ба мо қувва диҳад.

**2,4** Воситаи пуртаъсир зидди мушкилот ва нохушиҳо дар байни халқи Худо – дар бораи дигарон беш аз худ ғамхорӣ кардан мебошад. Калимаи *«дигарон»* дар ин боб ҳақиқатан асосист. Мо аз ҳар гуна низоъҳои худбинонаи одамӣ танҳо ҳамон вақт болотар шуда метавонем, ки тамоми зиндагии худро ба хизмати содиқона барои дигарон бахшем.

*Худовандо, бигзор мадад ба дигарон*
*Шиори зиндагии ман бошад!*
*Ёрӣ деҳ барои дигарон зиндагӣ кунам,*
*Чунон зиндагӣ кунам, ки Ту мезистӣ.*

Чарлз Д. Мейҷс

**2,5** *Зеро дар шумо низ бояд ҳамон фикр бошад, ки дар Масеҳ Исо буд*. Павлус филиппиёнро даъват менамояд, ки аз Худованд Исои Масеҳ ибрат гиранд. Ӯ ба одамон чӣ гуна муносибат мекард? Дар рафтори Ӯ нисбат ба дигарон чӣ хос буд? Гай Кинг тасвири зебои тарзи фикрронии Исои Масеҳро додааст: «1) фидокорӣ; 2) ҷоннисорӣ; 3) ба хизмат тайёр будан. Худованд Исо ҳамеша дар бораи дигарон фикр мекард».[10]

*Ӯ барои ғамҳои Худ ашк надошт,*
*Аммо арақи хунини Ӯ барои ғамҳои ман мечакид.*

Чарлз Д. Габриэл

**2,6** *Дар сурати Худо* будани Исои Масеҳро хонда, мо мефаҳмем, ки дар тамоми абадият Ӯ чун *Худо* буд. Ин онро ифода намекунад, ки Ӯ ҳамин хел ба Худо монанд буд; не, Ӯ ба маънои пурраи ин калима Худо буд.

Дар айни замон Ӯ *бо Худо баробар буданро ғанимат нашумурд*. Дар ин ҷо фарқи аниқ байни баробарӣ бо Худо дар ҷиҳати шахсӣ ва дар ҷиҳати мавқеъ фавқулода муҳим аст. Агар гап дар бораи Шахсияти Ӯ равад, Масеҳ ба Худо баробар буд, ҳаст ва хоҳад буд. Аз ин даст кашидан барои Ӯ дар ҳақиқат номумкин мебуд. Аммо бо баробарӣ дар мавқеъ ҳама чиз дигар хел аст. Дар тамоми абадият Масеҳ бо Падари Худ аз шуҳрати осмонҳо лаззат бурда, мавқеи баробарро ишғол мекард. Вале Ӯ мавқеи Худро ба бадали ҳар чизе ки бошад ба ҷои ӯ доштанро лоиқ нашумурд. Ҳангоме ки ба башарияти ҳалокшуда Наҷотдиҳанда лозим шуд, Ӯ бо майли том аз баробарии мавқеи

Худ бо мавқеи Падар даст кашид, аз роҳат ва хурсандии осмонӣ даст кашид. Дар чашмони Ӯ онҳо на он қадар арзиш доштанд, то бо онҳо дар ҳеҷ сурат ва як лаҳза ҳам ҷудо нашавад.

Ба ҳамин тариқ, Ӯ тайёр буд ба ин ҷаҳон биёяд ва ба ҳамлаи гуноҳкорон тоб оварад. Ба Худо Падар касе туф накардааст, Ӯро назадаанд ва ба салиб накашидаанд. Ба ин маънӣ Падар аз Писар бузургтар аст – бузургтар на дар он чи ба Шахсияти Ӯ дахл дорад, балки дар он чи ба мавқеи Ӯ ва тарзи зиндагии Ӯ дахл дорад. Ин фикрро Исо дар Юҳанно 14,28 чунин мухтасар ифода кардааст: «Агар Маро дӯст медоштед*, шод мешудед, ки гуфтам: «Назди Падар меравам», зеро Падар аз Ман бузургтар аст»*. Ба ибораи дигар, шогирдон ба хона – ба осмон рафтани Ӯро фаҳмида, бояд хурсанд мешуданд. Дар замин одамон бо Ӯ бераҳмона муносибат мекарданд ва қабул намекарданд. Дар ин ҷо мавқеи Ӯ нисбат ба мавқеи Падар пасттар буд. Ба ин маънӣ Падар нисбат ба Ӯ баландтар буд. Вале вақте ки Ӯ ба осмонҳо баргашт, Ӯ аз нав на танҳо чун *Шахсият,* балки бо *мавқеи* ишғол мекардааш низ бо Падар баробар гашт.

Гиффорд шарҳ медиҳад:

*Дар қисми дуюми ҷумла («бо Худо баробар буданро ғанимат нашумурд») на табиат ё моҳият тасвир карда мешавад ... балки тарзи мавҷудият; ва як тарзи мавҷудиятро бо дигараш иваз кардан мумкин аст, ҳарчанд худи моҳияти мавҷудият бетағйир мемонад. Аз тасвири пешниҳодкардаи худи Павлус истифода мебарем: «Ӯ сарватманд буда, барои шумо бенаво шуд, то шумо ба воситаи бенавоии Ӯ сарватманд шавед» (2Қур. 8,9). Ҳам дар он ва ҳам дар дигар сурат тағйири тарзи мавҷудият ҷой дорад, вале на табиати он. Вақте ки одами камбағал сарватдор мешавад, тарзи мавҷудияти ӯ тағйир меёбад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ на табиати ӯ чун одам. Ҳамчунин бо Писари Худо; аз тарзи боҳашамат ва шуҳратманди мавҷудият, ки ба тарзи баробар табиати Илоҳии Ӯро ба ҳама зоҳир мекард ва пурра ба он мувофиқат мекард, Ӯ барои мо ба зиндагии одамӣ фуромад – ба тарзи беандоза пасттарин ва камбағалтарини мавҷудият, ки онро якҷоя бо табиати одамӣ қабул кард.*[11]

**2,7** *Балки аз он даст кашид.* Тарҷумаи таҳтуллафзӣ чунин садо медиҳад: «Ӯ Худро холӣ кард». Он гоҳ саволе ба миён меояд: «Худованд Исо Худро аз чӣ сабаб холӣ кард?»

Ба ин савол ҷавоб дода, эҳтиёти ниҳоиро риоя кардан зарур аст. Ҷидду ҷаҳди одамиёнаи маънидод кардани ин «холӣ шудан» аксаран бо маҳрум намудани Масеҳ аз сифат ва хусусиятҳои чун Худо ба Ӯ хос ба охир мерасиданд. Баъзеҳо, масалан, изҳор мекунанд, ки то замоне Худованд Исо дар замин буд, Ӯ на ҳамадон буду на тавоно. Ӯ аллакай наметавонист дар худи ҳамон як вақт дар ҷойҳои гуногун бошад. Онҳо мегӯянд, ки ба ин дунё чун Одам омада, Ӯ ихтиёран аз сифатҳои ба Худо хос даст кашид. Баъзеҳо ҳатто мегӯянд, ки сарҳадҳои барои одам бартарафнашаванда барои Ӯ ҳам бартарафнашаванда буд, Ӯ аз хатоҳо эмин набуд ва ақида ва асотирҳои дар он замонҳо паҳншударо қабул намуд!

Ҳамаи инро мо қатъиян рад менамоем. Худованд Исо ба ин ҷаҳон омада, аз ҳеҷ кадом сифатҳои ба Худо хос даст накашидааст.

Ӯ дар замин ҳам ҳамадон буд.
Ӯ дар замин ҳам дар ҳама ҷо ҳозир буд.
Ӯ дар замин ҳам тавоно буд.

Он чи Ӯ дар ҳақиқат кард, он аст, ки Худро аз мавқеи ба Худо баробар кам кард ва ҷалоли Худоро дар бадане аз ҷисми одамӣ пинҳон кард. Ҷалол ба ҳеҷ ҷой нест нашуд, вале пинҳон карда шуда буд ва танҳо ҳар сари чанд вақт шуоъҳои он чашмбарона медурахшиданд, масалан, чунон ки ин дар кӯҳи Дигаргуншавӣ буд. Дар ҳаёти заминии Ӯ ягон лаҳзае набуд, ки Ӯ ҳамаи сифатҳои Худоро доро набошад.

*Сарулибоси шоистаи Худоро дур партофта,*
*Ӯ Худо будани Худро дар пардаи хокӣ пинҳон кард,*
*Ва дар Ӯ муҳаббати дорои қувваи ҳайратовар шуълавар гашт,*
*Барои ҳамаи он чи ҳеҷ гоҳ нагирифта буд, сад бор товон дод.*

Чунон ки гуфта шуда буд, суханони «Ӯ Худро холӣ кард»-ро шарҳ доданӣ шуда, эҳтиёткории хеле зиёдро риоя кардан зарур аст. Хатарро то ҳадди ақалл расонидан мумкин аст, агар шарҳи ибораро дар суханҳое ҷустуҷӯ намоем, ки бевосита баъд аз он меоянд. *Ӯ ба сурати ғулом даромад ва ба одамон монанд гардида,* Худро холӣ кард. Ба ибораи дигар, Ӯ ба Худ он чиро ки дар Ӯ ҳеҷ гоҳ пеш аз ин набуд – *табиати одамиро* қабул намуда, Худро кам донист.

Ӯ асло на илоҳияти Худро, балки танҳо ҷои Худро дар осмонҳо ва он ҳам танҳо дар як муддати муайяни вақт барканор гузошт.

Агар Ӯ фақат одам мебуд, инро «Худро холӣ кардан» номидан ба ҳеҷ ваҷҳ мумкин набуд. Мо дар ин дунё зода шуда, худро холӣ (кам) намекунем. Вале одам шудан барои Худо холӣ (кам) кардани Худро ифода мекард. Дар ҳақиқат, инро танҳо Худо карда метавонад.

*Ба сурати ғулом даромад.* Моҳияти таҷассумёбӣ ва ҳаёти Наҷотдиҳанда дар Юҳанно 13,3.4 ба таври меҳрубонона ҷамъбаст карда шудаанд: «Исо ... либоси Худро кашид ва дастмоле гирифта ба камар баст». Дастмол, ё пешдоман тимсоли хизмат аст. Аз он ғуломон истифода мебурданд. Худованд Исои пурҷалол низ аз ин истифода мебурд, зеро Ӯ «на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон диҳад» (Мат. 20,28). Вале биёед бозистем ва дар ин боб ҷараёни муҳокимаро дар хотир барқарор намоем. Дар байни масеҳиёни Филиппӣ мухолифат ба вуҷуд омад. Павлус аз онҳо хоҳиш менамояд, ки тарзи фикри Масеҳро дошта бошанд. Мухтасаран моҳияти ин далел аз ин иборат аст: Агар масеҳиён тайёр бошанд, ки мавқеи пасттаринро ишғол кунанд, ба дигарон хизмат намоянд, ҳаёти худро қурбон намоянд, он гоҳ ҳеҷ ҷангу ҷидол намешавад. Одамоне ки тайёранд барои дигарон бимиранд, одатан бо онҳо ҷангу ҷидол намекунанд.

Масеҳ ҳамеша буд, вале Ӯ *ба одамон монанд гардида,* яъне Одами ҳақиқӣ шуда ба ҷаҳон омад. Табиати Одамии Масеҳ, ба монанди табиати Илоҳияш, воқеист. Ӯ Худои ҳақиқӣ ва Одами ҳақиқӣ аст. Вале чӣ гуна бузург аст ин роз! Ҳеҷ як хиради офаридашуда ҳеҷ гоҳ онро дарк карда наметавонад!

**2,8** Ҳар як ибораи ин оят таҳқири торафт афзуншавандаи Писари дӯстдоштаи Худоро тасвир менамояд. Ӯ на танҳо тайёр буд шуҳрати осмонҳоро тарк кунад! Ӯ Худро холӣ (кам) кард! Ӯ сурати ғуломро қабул кард! Ӯ Одам шуд! Акнун бошад мо мехонем, ки Ӯ *Худро хор сохт!* Ҳеҷ як чуқурие нест, ки Ӯ баҳри наҷоти ҷонҳои гуноҳкори мо ба он фуруд намеомада бошад. Номи пуршарафи Ӯ ҷовидона муборак бод!

*У Худро хор сохта, то ба марг ... фармонбардор буд.* Чӣ гуна аз ин ҳайрон нашавем?! Ӯ фармонбардор буд, ҳарчанд ин арзиши ҳаёти Ӯро дошт. *«Фармонбардор то ба марг»* онро ифода мекунад, ки Ӯ то охир фармонбардор буд. Дар ҳақиқат Ӯ тоҷире буд, ки рафта, ҳар чи дошт фурӯхт, то ки марвориди гаронбаҳоро харад (Мат. 13,46).

*То ба марги салиб.* Марг дар салиб навъи нангинтарини қатл буд. Онро бо марг дар чӯбаи дор, дар курсии барқӣ ё дар камераи газӣ монанд кардан мумкин аст – ба марге ки ба он танҳо одамкушон ҳукм карда мешаванд. Ва маҳз чунин марг ба Беҳтарини ҳамаи сокинони осмон муҳайё карда шуда буд, вақте ки Ӯ ба ин дунё омад. Ба Ӯ иҷозат дода нашуда буд, ки дар бистари худ бо марги табиӣ бимирад. Марги Ӯ дар натиҷаи фалокат фаро расида наметавонист. Ӯ бо *марги* нангин *дар салиб* бояд мемурд.

**2,9** Дар ин ҷо ҷараёни муҳокима роҳи худро якбора иваз мекунад. Дар оятҳои пешина он чи Худованд Исо кард, тасвир карда шудааст. Ӯ роҳи дасткашӣ аз манфиатҳои шахсиро интихоб намуд. Ӯ ба Худ шуҳрат намеҷуст. Ӯ худро кам донист.

Акнун сухан дар бораи он меравад, ки *Худо* чӣ кор кард. Дар сурате ки Наҷотдиҳанда Худро кам донист, *Худо Ӯро сарафроз кард.* Модоме ки Ӯ барои Худ шуҳрат намеҷуст, *Худо ба Ӯ номе дод, ки аз ҳар ном болотар аст.* Дар сурате ки Ӯ ба сари зону истода, ба дигарон хизмат мекард, Худо фармон дод, то дар назди Ӯ *ҳар зонуе хам шавад.*

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло филиппиён ва ҳамаи мо бояд чӣ гуна сабақ гирем? Сабақ аз он иборат аст, ки ҳар як роҳе ки ба боло мебарад, ба поён мебарад. Мо бояд худро боло набардорем, балки ба дигарон хизмат кунем, то ки Худо дар вақти Худ моро сарафроз намояд.

Худо Масеҳро бо он сарафроз намуд, ки Ӯро аз мурдагон зинда намуд ва осмонро кушод, то ки Ӯро қабул намояд ва ба Ӯ аз тарафи дасти рости Худ ҷой диҳад. Ва на танҳо ин – *Худо ба Ӯ номе дод, ки аз ҳар ном болотар аст.*

Дар байни илоҳиётшиносон дар хусуси он ки ин чӣ гуна *ном* аст, ихтилоф ҳукмрон аст. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин ном «Исо» аст, ки яке аз қисмҳои таркибии он номи Яҳува мебошад. Дар Ишаъё 45,22.23 навишта шудааст, ки дар пеши номи Яҳува (Худо) ҳар зонуе хам хоҳад шуд.

Дигарон чунин мешуморанд, ки *«номе аз ҳар ном болотар»* танҳо маҷози ифодакунандаи мартабаи баландтарин дар дунё, ҷои афзалият ва ҳукмронӣ мебошад. Ҳар ду маънидод ба назари мо қобили қабул мебошанд.

**2,10** Худо ба андозае аз амали наҷоти Масеҳ қаноатманд буд, ки ба *ҳар зонуе* фармуд, то *хам шавад* – ба ҳама мавҷудот *дар осмон, бар замин* ва дар *зери замин.* Ин онро ифода намекунад, ки ҳамаи онҳо наҷот хоҳанд ёфт. Онҳое ки назди Ӯ ихтиёрӣ зону ҳам кардан намехоҳанд, боре маҷбур хоҳанд шуд, то ин корро кунанд. Он касоне ки дар рӯзи файзи ӯ бо Худо оштӣ накунанд, дар рӯзи Доварӣ ба пеши пои Ӯ андохта хоҳанд шуд.

**2,11** Худованд дар файзи беҳамто тамоми роҳро аз ҷалол ба Байт-Лаҳм, боғи Ҷатсамонӣ ва Ҷолҷолто паси сар кард. Дар ҷавоб Худо Ӯро сазовори эътирофи оламшумули ҳокимияти Ӯ ва эҳтироми умумиҷаҳонӣ мегардонад. Ба онҳое ки ба суханони Ӯ оид ба илоҳияташ бовар намекарданд, лозим меояд боре эътироф намоянд, ки онҳо беақл будаанд, ва бисёр хато мекардаанд ва Исои Носирӣ дар ҳақиқат Худованди ҷалол аст.

Пеш аз он ки мо таҳлили ин суханони бошукӯҳро дар бораи Шахсият ва меҳнати Худованд Исо ба охир расонем, мехостем боз як маротиба такрор намоем, ки ин мавзуъ ба сабаби мушкилии хеле хурде ки дар ҷамоати Филиппӣ ба вуҷуд омад, бардошта шуда буд. Павлус нияти навиштани рисола дар бораи Худовандро надошт. Ӯ фақат мехост ба муқаддасон ёрӣ диҳад, то рӯҳи худбинӣ ва ихтилофкориро дар доираи худ барҳам зананд. Давои ин беморӣ тарзи фикррониии Масеҳ аст. Дар ҳар гуна шароит Павлус ҳамеша ба симои Худованд рӯ меоварад. «Ҳатто ба масъалаҳои нозуктарин, азиятдиҳанда ва ногувор дахл карда, – менависад Эрдман, – Павлус метавонист ҳақиқатро бо чунин сурати зебои ҳайратангез тасвир намояд, ки он ба санги қиматбаҳо дар порчаи назарногири гил монанд мешуд».[12]

**2,12** Акнун, вақте ки ба шарофати саъю кӯшиши ӯ дар пеши назари хонандагон симои Масеҳ дар чунин дурахши чашмбар пайдо шуд, расул тайёрӣ мебинад пандеро, ки асоси он ибрати Худованд аст, ба дили ӯ бурда расонад.

Вақте ки ӯ дар байни филиппиён буд, онҳо ҳамеша ба Павлус *фармонбардор буданд.* Алҳол бошад, дар вақти набудани ӯ, онҳо бояд *боз ҳам зиёдтар бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваранд.*

Боз дар назди мо ояти Навиштаҷот аст, ки дар халқи Худо изтироби зиёд ба вуҷуд меоварад. Дар аввал возеҳу равшан гуфтан даркор аст, ки Павлус оид ба имконияти бо амалҳои нек сазовори наҷот шудан таълим намедиҳад. Дар ҳамаи номаҳои худ ӯ доимо зикр мекунад, ки наҷот на бо амал, балки бо имон ба Худованд Исои Масеҳ ба даст меояд. Вале дар ин ҳол ин оят чиро таълим медиҳад?

1. Он метавонад таълим диҳад, ки мо бояд наҷотро, ки аллакай Худо дар мо ҷой додааст, *ба амал оварем.* Худо ба мо зиндагии абадиро бемузд, ройгон дод. Акнун мо бояд дар муқаддасшавии амалӣ зиндагӣ кунем.
2. *Наҷот* дар ин маврид ҳалли мушкилоти муқаддасон дар Филиппиро ифода карда метавонад. Онҳоро аллакай муддати мадид ихтилоф ва низоъҳои ночиз азият медоданд. Расул ба онҳо ба дору аз беморӣ ишора кард. Ва акнун онҳо тарзи фикррониии Масеҳро ба даст оварда, ин доруро бояд «истеъмол намоянд». Ба ҳамин тариқ онҳо наҷоти худро *ба амал* хоҳанд *овард,* ё дар ҳалли мушкилоти худ меҳнат хоҳанд кард.

*Наҷот,* ки дар бораащ ин ҷо гуфта мешавад – на наҷоти ҷон, балки халосӣ ёфтан аз тӯрҳо ва домҳоест, ки дар иҷро намудани хости Худо ба масеҳӣ халал расонида метавонанд. Вайн низ онро дар ҳамин рӯҳия тасвир намуда, дарки воқеии халосӣ аз бадӣ меномад.

Калимаи «наҷот» дар Аҳди Нав маъноҳои зиёди гуногун дорад. Мо аллакай зикр карда будем, ки он дар боби 1,19 озодшавӣ аз зиндонро ифода мекунад. Дар боби 1,28 наҷот дар оянда аз мавҷудияти гуноҳ озод шудани ҷисми моро дар назар дорад. Маънои ин истилоҳ дар мавриди мушаххас қисман аз матни он муқаррар карда мешавад. Мо чунин меҳисобем, ки дар ин маврид калимаи *«наҷот»* ҳалли мушкилотеро, ки филиппиёнро азият медоданд, яъне мушкилоти мухолифати онҳоро ифода мекунад.

**2,13** Алҳол Павлус ба онҳо хотиррасон мекунад, ки онҳо наҷот ба амал оварда метавонанд, *зеро* маҳз *Худо барои хушнудии Худ дар* онҳо *ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд*

*меоварад*. Маҳз Худо пеш аз ҳама дар мо майлу рағбат, ё саъю кӯшиши ба амал овардани хости Ӯро ҷойгир мекунад. Ва илова бар он, маҳз Ӯ дар мо барои дар ҳаёт *амалӣ* гардондани ин хоҳиш қувва ба вуҷуд меоварад.

Ин ҷо дар пеши мо аз нав омехтаи муъҷизаноки чизи илоҳӣ ва одамӣ намоён мешавад. Аз як тараф, моро даъват менамоянд, ки наҷоти худро ба амал оварем. Аз тарафи дигар, танҳо Худо ба мо қувваро барои ин дода метавонад. Мо ҳиссаи кори худро бояд иҷро кунем ва Худо ҳиссаи Худро мекунад. (Вале ин принсип ба бахшидашавии гуноҳҳо ё ба зода шудан аз олами боло паҳн намешавад. Наҷот танҳо кори Худо мебошад. Мо фақат бовар мекунем ва онро қабул менамоем).

**2,14** Хости неки ӯро ба амал оварда, мо бояд инро бе ягон шиква ва саволҳои зиёдатӣ кунем. «На як навъ, балки пирӯзмандона». *Шикоят ва шубҳаҳо* одатан ба вайронкуниҳои ҷиддӣ ва гуноҳ мебаранд.

**2,15** Танҳо аз шиква ва шубҳаҳо парҳез намуда, мо *бенуқсон ва пок* (самимӣ ва софдил) буда метавонем. Бар зидди одами *бенуқсон* ҳеҷ гуна айбнома баровардан мумкин нест (ниг. Дон. 6,4). Одами *беснуқсон* метавонад гуноҳ кунад, вале ӯ ҳамеша узр мепурсад, бахшидани гуноҳи худро дархост мекунад, ва ҳамин ки имконият пайдо шавад, айби худро ислоҳ мекунад. *«Пок»* дар ин ҷо «самимӣ, софдил»-ро ифода мекунад.

*Фарзандони Худо дар миёни насли саркаш ва фосид* бояд *беайб* бошанд. Зиндагонии бенуқсони фарзандони Худо нисбат ба ғубори тираву тори тамоми ҷаҳонро фарогиранда равшантар хоҳад дурахшид.

Ин Павлусро ба фикре меоварад, ки онҳоро ба *ситораҳо (нурдиҳандаҳо)* дар шаби торик монанд кунад. Шаб ҳар қадар торик бошад, ситораҳо ҳамон қадар равшантар медурахшанд. Масеҳиён *ситораҳо (нурдиҳандаҳо),* ё паҳнкунандагони нур ҳастанд. Онҳо нурро ба вуҷуд оварда наметавонанд, вале шуҳрати Худовандро чунон инъикос карда метавонанд, ки дигарон дар онҳо Исоро дида тавонанд.

**2,16** *Ва каломи ҳаётро нигоҳ доред. Ситора (нурдиҳанда)* буда, мо медурахшем, вале ин онро ифода намекунад, ки зарурате ба сухани шаҳодат оид ба Масеҳ намондааст. Ҷаҳон шаҳодати дукаратаро бояд шунавад – шаҳодати зиндагонии мо ва шаҳодати сухан.

Агар филиппиён ин вазифаҳоро иҷро кунанд, пас расул боварӣ дорад, ки баъзе асосҳо хоҳад дошт, то *дар рӯзи Масеҳ фахр намояд.* Ӯ худро на танҳо барои наҷоти ҷонҳо, балки барои он вазифадор меҳисобад, ки ҳар касро дар Масеҳ комил гардонида ҳозир кунад (Кул. 1,28).

*Рӯзи Масеҳ* вақти баргаштани Ӯ ва доварӣ бар хизмати масеҳиён аст (1,6.10). Агар филиппиён барои Худованд садоқатмандона меҳнат кунанд, пас дар он рӯз аён мегардад, ки хизмати Павлус *беҳуда* набуд.

## IV. ПАВЛУС, ТИМОТИЮС ВА ЭПАФРУДИТУС ЧУН НАМУНАИ МОНАНДӢ БА МАСЕҲ (2,17-30)

Дар фасли пешина Павлус Худованд Исоро чун барҷастатарин намунаи тарзи фикрронии фурӯтанона нишон додааст. Вале, эҳтимол, касе майли зиёд дорад, то чунин гӯяд: «Охир, Ӯ Худост, аммо мо одамони одӣ ҳастем». Бинобар ин Павлус се касро мисол меорад, ки дар таҷриба тарзи фикрронии Масеҳро зоҳир кардаанд: худро, Тимотиюсро ва Эпафрудитусро. Агар Масеҳ офтоб бошад, пас ҳар яке аз ин се нафар моҳ мебошанд, ки ҷалоли офтоброинъикос мекунад. Онҳо ситораҳо (нурдиҳандаҳо) дар ҷаҳони тираву тор ҳастанд.

**2,17** Расул барои тасвири хизмати филиппиён ва хизмати шахсии худаш аз намунаи хеле аҷоиб истифода бурдааст. Ин тасвирро ӯ аз соҳае гирифтааст, ки ҳам ба яҳудиён, ҳам ба бутпарастон шинос аст: *қурбонии рехтанӣ*, ки бар *қурбонӣ* ҳангоми қурбонӣ кардан рехта мешуд.

Павлус дар бораи филиппиён чун оид ба шахсоне сухан меронад, ки маросими қурбониро ба амал меоваранд. *Қурбонии* онҳо *имон* аст. Худи Павлус бошад қурбонии рехтанӣ. Ӯ хушбахт мешавад, ки дар марги пуразоб барои *қурбонӣ ва ибодати имон* рехта шавад.

Вилямс менависад:

*Расул хизмати онҳоро ба осмонҳо бардошта ва хизмати худро кам нишон дода, фидокорӣ ва ҷидду ҷаҳди филиппиёнро бо фидокорӣ ва ҷидду ҷаҳди шахсии худ муқоиса мекунад. Ҳам онҳо, ҳам ӯ зиндагии худро барои Хушхабар дареғ намедоранд, вале ӯ амали онҳоро қурбонии бузург меҳисобад, аз они худашро бошад танҳо*

*қурбонии рехтанӣ, ки бар қурбонии онҳо рехта мешавад. Дар ин шакли хеле зебо Ӯ маҷозан ба наздикшавии эҳтимолии марги риёзаткашонаи худ ишора кардааст.*[13]

Агар чунин қисмат ба сари ӯ ояд, ӯ аз он *шод* хоҳад шуд, ки чунин бояд шавад.

**2,18** Бо ҳамин сабаб низ филиппиён бояд *шод бошанд* ва бо Павлус *шодӣ кунанд*. Марги риёзаткашонаи эҳтимолии ӯро онҳо набояд чун фоҷиа баҳо диҳанд. Онҳо ӯро бояд барои чунин рафтани пуршараф ба хона муборакбод кунанд.

**2,19** То ин оят Павлус ду мисоли муҳаббати фидокоронаро овард: муҳаббати Худованд Исо ва аз они худаш. Ҳар дуи онҳо тайёр буданд тамоми умри худро то ба охир бахшанд. Вале боз ду намунаи худқурбонкунӣ ҳаст – *Тимотиюс* ва Эпафрудитус.

Расул умед дорад, ки дарояндаи наздик *Тимотиюсро* ба Филиппӣ *фиристад,* то ки хабарҳои охиринро аз он ҷо фаҳмида, *рӯҳбаланд шавад*.

**2,20** Тимотиюс беш аз ҳамаи ҳамсафони Павлус оид ба ҳолати рӯҳонии филиппиён ғамхории беғаразона мекард. Павлус *каси дигар монанди ӯ* надошт, ки ташриф ба ин ҷамоатро бо чунин боварӣ ба вай супурда тавонад. Ин ҳақиқатан таҳсини баланд аст барои чунин шахси ҷавон, ки Тимотиюс он замон чунин буд!

**2,21** Дигарон пурра бо мақсадҳои шахсии худ фаро гирифта шудаанд. Онҳо дар ботлоқи давуғеҷи зиндагӣ чунон фурӯ рафтаанд, ки ба он *чи ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад,* вақташон намерасад. Оё ин тасвир ба мо низ, ки дар ҷаҳони хонаҳо, яхдонҳо, телевизорҳо ва дигар *чизҳо* маҳдуд шудаем, мувофиқат намекунад? (Ниг. Луқ. 8,14).

**2,22** Тимотиюс аз рӯи имон писари расул буд ва ин нақшро дар ҳақиқат садоқатмандона иҷро мекард. Филиппиён дар бораи *бовафоии* ӯ, ки аз озмоишҳои бузург гузаштааст, медонистанд. Онҳо медонистанд, ки *монанди он ки фарзанд ба падар* хизмат мекунад, ҳамон тавр Тимотиюс ҳам ба Павлус дар мавъизаи Хушхабар *бандагӣ мекард*.

**2,23-24** Азбаски Тимотиюс аллакай худро ба таври беҳтарин нишон дод, Павлус умед дошт, ҳамин ки натиҷаи аризааш ба қайсар маълум гардад, *ӯро* назди филиппиён *равона кунад*. Бешубҳа, расул маҳз ҳаминро дар назар дошт, вақте мегуфт: «... *чун бинам, ки аҳволи ман чӣ мешавад*». Ӯ умедвор аст ба аризаи худ ҷавоби мусбат гирад, аз нав озод шавад ва боз як маротиба ба дидорбинии филиппиён равад.

**2,25** Баъд аз он мо тарзи фикррониии Масеҳро дар *Эпафрудитус* мебинем. Бо қатъият гуфтан мумкин нест, ки оё дар ин ҷо дар бораи худи ҳамон одаме сухан меравад, ки дар Кулассиён 4,12 низ гуфта шудааст. Вале ҳар тавре ки бошад, ӯ дар Филиппӣ зиндагӣ мекард ва аз тарафи ҷамоати он ҷо ба назди Павлус фиристода шуда буд.

Расул дар бораи Эпафрудитус чун дар бораи 1) *бародари худ,* 2) *ҳамкори худ* ва 3) *ҳамсафи худ* баҳо медиҳад. Аввалӣ оид ба дилбастагии самимӣ, дуюмӣ оид ба меҳнати сахт ва сеюмӣ оид ба набудани ихтилоф далолат мекунад. Ин одам бо одамони дигар даст ба даст кор карда метавонист, ин бошад дар зиндагонии масеҳӣ ва хизмат, бешубҳа, хислати бағоят муҳим аст. Вақте ки масеҳӣ якка меҳнат мекунад, ҳамаро ба тарзи худ мекунад, масъала дигар аст. Якҷоя бо дигарон кор кардан, «камнуфуз будан», одамонро чунон ки ҳастанд, қабул кардан, хоҳиш ва ақидаҳои шахсии худро баҳри манфиатҳои ҳамаи гурӯҳ ба мадди охир гузоштан то чӣ андоза мушкил аст. Биёед *ҳамкор* ва *ҳамсаф* мешавем!

Илова бар ин Павлус дар бораи ӯ ҳамчун оид ба *«фиристода ва хизматгузори шумо дар муҳтоҷии ман»* сухан меронад. Ин ба мо барои фаҳмидани шахсияти ӯ боз як воситаи муҳим медиҳад. Эпафрудитус тайёр буд кори сиёҳи камқадрро ба ҷо оварад. Дар замони мо аксарият мекӯшанд танҳо он кореро кунанд, ки ба онҳо эътирофи умумро оварда, ҳаловат бахшида метавонад. Мо бояд барои онҳое ки оромона ва барои чашми бегона номаълум кори ҳамешагиро иҷро мекунанд, хеле миннатдор бошем. Бо ин кори вазнин Эпафрудитус худро кам донист. Худо бошад, хизмати садоқатмандонаи ӯро дар Нома ба Филиппиён барои ҳамаи наслҳои баъдина ҷовидонӣ гардонида, ӯро сарафроз гардонд.

**2,26** Муқаддасон Эпафрудитусро барои ёрӣ ба Павлус фиристоданд – ба сафаре ки камаш 1100 км масофа дошт. Дар натиҷа ӯ сахт *бемор* шуд ва ҳатто дар дами марг буд. Ин вазъият ӯро хеле ғамгин сохт – на барои он ки ӯ чунин бемор буд, балки барои он ки муқаддасон

метавонистанд дар бораи бемории ӯ шунаванд. Охир агар онҳо аз ин бохабар мешуданд, худро айбдор мекарданд, ки ӯро ба ин роҳ фиристоданд ва ҳаёташро ба хатар гузоштанд. Дар синаи Эпафрудитус, бешубҳа, диле метапид, ки дар он барои «ман»-и худ ҷой набуд.

Бисёр масеҳиён одати таассуфовари оид ба бемориҳо ва ҷарроҳиҳои худ муфассал муҳокима ронданро пайдо кардаанд. Аксаран ин фақат намоиши гуноҳҳои дилсӯзӣ ба худ, танҳо бо худ банд будан, худнамоӣ аст, ки дар ҳаёти шахс решаҳои чуқур давондааст.

**2,27** *Бемории* Эпафрудитус *марговар буд, лекин Худо ба ӯ марҳамат кард.* Ин оят барои мо махсусан бо он муҳим аст, ки ба масъалаи шифоёбӣ аз тарафи Худо равшании иловагӣ медиҳад:

1. Аввалан, беморӣ на ҳама вақт натиҷаи гуноҳ аст. Ин одам дар натиҷаи садоқатмандона иҷро кардани вазифаҳои худ бемор шуд (ниг. о. 30): «... ӯ барои кори Масеҳ ба мурдан наздик буд».
2. Сониян, мо фаҳмидем, ки на ҳамеша хости Худо шифоёбии фаврӣ ва муъҷизанок мебошад. Чунин таассурот ба амал меояд, ки бемории Эпафрудитус дуру дароз буд, шифоёбӣ бошад оҳиста-оҳиста (ниг. инчунин 2Тим. 4,20; 3Юҳ. 2).
3. Сеюм, мо мефаҳмем, ки шифоёбӣ марҳамати Худост, на ҳуқуқи мо, ки иҷроиши онро аз Худо талаб карда тавонем. Павлус илова мекунад, ки *Худо* на танҳо ба Эпафрудитус, балки ба ӯ, ба расул, низ *марҳамат кард, то ки* ба *ғуссаи* вай *ғуссае зам нашавад.* Расул бе ин ҳам аз ҳабси худ хеле ғамгин буд. Агар Эпафрудитус мемурд, ба ин ғам боз як ғами дигар илова мешуд.

**2,28** Алҳол, вақте ки Эпафрудитус сиҳат шуд ва қувват гирифт, Павлус бо хурсандӣ ӯро ба хона *фиристод.* Филиппиён аз баргаштани бародари дӯстдоштаи худ хеле шод хоҳанд шуд ва ин барои Павлус тасаллои бузурге дар ғамҳои ӯ мегардад.

**2,29** Онҳо Эпафрудитусро на фақат бояд бо камоли хурсандӣ *пазироӣ кунанд,* балки ин марди Худоро хеле *қадрдонӣ* кунанд. Иштирок дар хизмат *ба Худованд* шараф ва имтиёзи бузург аст. Муқаддасон бояд инро дарк намоянд, ҳатто агар сухан дар бораи одами ба онҳо хеле шинос равад.

**2,30** Чунон ки гуфта шуд, бемории Эпафрудитус бевосита бо хизмати доимии ӯ *ба Масеҳ* алоқаманд буд. Дар назари Худованд ин арзиши бебаҳо дорад. Барои Масеҳ сӯхтан беҳтар аст, нисбат ба занг задан. Дар хизмат ба Худованд мурдан беҳтар аст, нисбат ба ин ки кас дар ахбороти аз беморӣ мурдагон ё қурбониёни фалокат боз як воҳиди статистикӣ шавад

Оё ифодаи *«то ки камии хизмати шуморо барои ман пур кунад»* онро ифода мекунад, ки филиппиён ба уҳдадориҳои худ нисбати Павлус беэътиноӣ карданд ва Эпафрудитус он кореро кард, ки бояд онҳо мекарданд? Аз эҳтимол дур аст, зеро маҳз бо ташаббуси филиппиён Эпафрудитус назди Павлус фиристода шуда буд.

Мо чунин меҳисобем, ки ин *камии хизмат* пеш аз ҳама аз он сабаб рӯй дод, ки аз сабаби дурии Рум худи онҳо ба дидорбинии Павлус рафта *натавонистанд.* Бинобар ин расул онҳоро сарзаниш намекунад, танҳо он далелро зикр мекунад, ки Эпафрудитус чун намояндаи онҳо он чиро, ки онҳо шахсан карда наметавонистанд, барои Павлус иҷро кард.

## V. ОГОҲОНИДАН ДАР БОРАИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН (3,1-3)

**3,1** Павлус *бародаронро* даъват менамояд, ки *дар Худованд шод* бошанд. Масеҳӣ *дар Худованд* ҳамеша дар ҳар гуна вазъият хурсандии ҳақиқиро ёфта метавонад. «Манбаи сурудҳои ӯ хеле боло дар осмонҳост». Ҳеҷ чиз шодии ӯро пахш карда наметавонад, агар пеш аз ин аз ӯ Наҷотдиҳандаро кашида нагирад, ин бошад комилан номумкин аст. Дард, ғам, беморӣ, фақирӣ ва фоҷиа шодии одии одамиро хомӯш карда метавонанд. Шодии масеҳиёна бошад чунон боло ҷойгир аст, ки онро ҳеҷ гуна селоби зиндагӣ зер намекунад. Далели инро дар насиҳат оид ба шодӣ кардан пайдо менамоем, ки Павлус аз зиндон мефиристад. Ба насиҳати чунин одам гӯш андохтан, бешубҳа, меарзад!

Расул ба филиппиён боз аз нав такрор кардани инро дилгиркунанда намеҳисобад, зеро медонад: ӯ инро бахри бехатарии онҳо мекунад. Вале ин такрор дар куҷост? Оё Павлус ифодаи пешинаро дар назар дорад, ки дар он ӯ онҳоро даъват менамояд, то дар Худованд

*шод бошанд?* Ё ин ба оятҳои баъдина дахл дорад, ки дар онҳо ӯ онҳоро бар зидди шариатпарастон огоҳ мекунад? Мо чунин меҳисобем, ки охиринаш. Дар ояти 2 суханони «эҳтиёт шавед» се маротиба истифода мешаванд. Ин такрор барои ӯ *гарон нест,* барои онҳо бошад асло эҳтиёти зиёдатӣ нест.

**3,2** Онҳо бояд *аз сагон, аз коркунони бад ва аз буридан эҳтиёт* шаванд. Эҳтимоли қавӣ дорад, ки ҳар се ифода ба ҳамон як гурӯҳи одамон дахл доранд – ба муаллимони дурӯғин, ки ба масеҳиён шариати яҳудиро бо зӯрӣ бор карданӣ мешаванд ва таълим медиҳанд, ки шариат ва расму русумро риоя карда, росткориро ба даст овардан мумкин аст.

Аввалан онҳо *сагон* ҳастанд. Дар Навиштаи Муқаддас *сагон* ҳайвонҳои нопоканд. Яҳудиён ғайрияҳудиёнро чунин меномиданд! Сагон ҳайвонҳои бехона буданд, ки дар кӯчаҳо сарсарӣ гашта, бо ҳар роҳ мекӯшиданд ба худ ризқу рӯзӣ ёбанд. Дар ин ҷо бошад Павлус он муаллимони дурӯғинро аз дини яҳудӣ, ки ҷамоатро фосид карданӣ мешуданд, сагон меномад. Онҳо дар ҳақиқат шахсоне буданд, ки сарпаноҳ надоштанд, мекӯшиданд аз ҳисоби расму оинҳо ва маросимҳо умр ба сар баранд. Онҳо резаҳоро мечиданд, ҳарчанд метавонистанд дар сари мизи базм шинанд.

Сониян, онҳо *коркунони бад* буданд. Масеҳиёни ҳақиқӣ шуданашонро эълон карда, онҳо ҳуқуқи мушоракат бо масеҳиёнро ба даст оварданд ва таълимоти бардурӯғи худро паҳн кардан гирифтанд. Чунин меҳнат ба ғайр аз бадӣ ҳеҷ чиз оварда наметавонист.

Павлус ҳамчунин онҳоро мавъизагарони *хатна* меномад. Бешубҳа, хатна дар таълимоти бардурӯғи онҳо ҷои муҳимро ишғол мекард. Шариатпарастон исрор мекарданд, ки барои наҷот ёфтан хатна ҳатман зарур аст. Вале дар зери ин онҳо хатнаи ҷисмониро дар назар доштанд. Мазмуни рӯҳонии он диққати онҳоро ҷалб намекард. Хатна бошад оид ба марг барои ҷисм мегӯяд. Он ифода мекунад, ки дигар ба талаботи табиати ҷисмонӣ гузашт карда намешавад. Ба маънои аслиаш иҷро намудани хатнаро исрор карда, онҳо тамоми иннони ҳокимиятро ба ҷисм месупурданд. Дар замири дил онҳо эътироф кардан намехостанд, ки ҷисм дар салиб ба марг дода шуда буд. Павлус ишорат мекунад, ки онҳо танҳо ҷисмро захмдор карда, дар айни ҳол фарқи асосии байни маросим ва аҳамияти рӯҳонии онро пай намебурданд.

**3,3** Ба муқобили ин Павлус зикр мекунад, ки *мо* (масеҳиёни ҳақиқӣ) *аҳли хатна* мебошем, на онҳое ки дар оилаи яҳудӣ зода шудаанд ё хатнаи ҷисмониро қабул кардаанд, балки онҳое ки фаҳмиданд, ки аз ҷисм ҳеҷ гуна манфиат буда наметавонад, ва мо бо қувваи худ ҳеҷ чизи сазовори таҳсини Худоро ба амал оварда наметавонем. Павлус хатнашудагони воқеиро чунин тавсиф мекунад:

1. Онҳо *ба Худо дар Рӯҳ ибодат мекунанд.* Яъне ибодати онҳо дар ҳақиқат рӯҳонист, на маросимӣ ва расму оини мурда. Дар парастиши ҳақиқӣ одам муҳаббат, ҳамду сано, ибодат ва эҳтироми худро зери пои Ӯ рехта, бо имон ба ҳузури Худо ворид мешавад. Парастиши «нафсонӣ» бошад ибодатест, ки худро берун аз биноҳои зебо ва бисоти ҷамоат, маросимҳои мураккаб ва либосҳои бодабдабаи коҳинон, яъне бе ҳамаи он чи торҳои муассири одамиро ба ҳаяҷон оварда метавонад, тасаввур карда наметавонад.
2. Аъзоёни хатнаи ҳақиқӣ *бо Исои Масеҳ фахр мекунанд.* Онҳо на бо комёбиҳои худ, на бо насаб, на бо садоқат ба расму оинҳо, балки танҳо бо Исо фахр мекунанд.
3. Онҳо *ба ҷисм эътимод надоранд.* Онҳо чунин намеҳисобанд, ки наҷотро ба даст оварда, баъд бо қувваи худ ҳам онро нигоҳ дошта метавонанд. Онҳо аз табиате ки аз Одам мерос гирифтаанд, ҳеҷ чизи хубро интизор нестанд ва бинобар ин дар ҳақиқат ҳеҷ чизи хуберо дар он наёфта, ҳеҷ гуна ноумедиро ҳис намекунанд!

## VI. ПАВЛУС БАРОИ МАСЕҲ АЗ МЕРОС ВА АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ НОИЛ ШУДА БУД, ДАСТ КАШИД (3,4-14)

**3,4** Ҳангоме Павлус дар бораи он фикр мекард, ки чӣ гуна ин одамон бо имтиёз ва комёбиҳои ҷисмонии худ худситоӣ мекарданд, дар лабони ӯ, бешубҳа, табассум ҳувайдо мегашт. Агар дар онҳо асос дар бораи манманӣ ёфт мешуда бошад, пас дар бораи ӯ чӣ гуфтан мумкин аст! Дар ду ояти баъдина ӯ нишон медиҳад, ки ба андозаи зиёд дорои неъматҳое

буд, ки одам одатан бо онҳо хеле фахр мекунад. «Таассуроте ба амал меояд, ки ӯ эҳтимол ба ҳама доираҳои ашрофонае таааллуқ дошт, ки хаёлотро ба ҳаяҷон оварда, шавқу рағбати шуҳратпарастиро дар одамон бармеангезанд».

Оид ба ин ду оят Арнот гуфтааст: «Дар ин ҷо ҳамаи он чи мояи ифтихори фарисиён буд (ки худро росткор меҳисобиданд), рӯйхат карда шудааст. Ӯ бо хурсандӣ ҷандаҳои ифлосро бароварда, ба тамошои умум мегузорад».

Чунон ки шумо хоҳед дид, Павлус оид ба ифтихор барои аслу насаби худ (о. 5), ифтихор барои мансубият ба дини яҳудии эътиқодманд (о. 5), ифтихор барои фаъолияти худ (о. 6), ифтихор барои сифатҳои баланди ахлоқии худ (о. 6) сухан меронд.

**3,5** Инак рӯйхати бартариҳои ҷисмонии Павлус:

*дар рӯзи ҳаштум хатнашуда – ӯ* яҳудӣ буд, на ин ки исмоилӣ ё касе ки дини яҳудиро қабул кардааст;

*аз насли Исроил* – узви халқи заминии баргузидаи Худо;

*аз қабилаи Бинёмин* – ин қабилаи ашрофон ва роҳбарикунандагон ба ҳисоб мерафт (Дов. 5,14); маҳз он ба Исроил подшоҳи аввалинро дод;

*иброни аз ибриён – ӯ* ба он қисми халқе таааллуқ дошт, ки ҳамеша ба забони қадимии худ, анъана ва одатҳои худ содиқ монда буд;

*аз ҷиҳати шариат фарисӣ* – фарисиён яҳудиёни эътиқодманд буданд, саддуқиён бошанд, аз таълимот оид ба растохез рӯ гардонида буданд.

**3,6** *Аз ҷиҳати ғайрат таъқибкунандаи ҷамоат* – Павлус самимона боварӣ дошт, ки барои аз рӯи замин несту нобуд кардани «фирқа»-и масеҳиён кӯшида, ӯ кори барои Худо манфиатнокро ба ҷо меоварад. Дар он вай таҳдидро ба дини худ медид ва худро вазифадор меҳисобид, то онро решакан кунад.

*Аз ҷиҳати росткории шариатӣ беайб.* Ин дар ҳеҷ сурат онро ифода карда наметавонад, ки Павлус тамоми шариатро дар ғояти камол иҷро кард. Дар Румиён 7,9.10 вай кушоду равшан изҳор мекунад, ки ин на он қадар чунин аст. Расул худро на бегуноҳ, балки *беайб* меномад. Мо танҳо тахмин карда метавонем, ки ягон нишондоди шариатро вайрон карда, Павлус ҳатман қурбонии талабшавандаро меовард. Ба ибораи дигар, ӯ аз ҳад зиёд дақиққор буд, ва мекӯшид тамоми қоидаҳои дини яҳудиро то охирин майда-чуйдаҳо риоя кунад.

Ба ҳамин тариқ, агар гап дар бораи зода шудан, насаб, мансубият ба таълимоти муътақидона, ғайрат ва порсоии шахсӣ равад, Шоули Тарсусӣ дар ҳақиқат одами барҷаста буд.

**3,7** Вале алҳол расул раддияи бузургро баён мекунад. Ӯ «ҳисоботи даромаду хароҷот»-и худро ба доварии мо пешниҳод мекунад. Дар як тараф ҳамаи чизҳои дар боло зикршударо, ки барои ӯ даромад ё *бартарӣ* ҳисоб меёфтанд, номбар мекунад. Дар тарафи дигар ӯ танҳо як калимаро менависад – *«Масеҳ»*. Ва дар қиёс бо он ганҷе ки мо дар Масеҳ ба даст меоварем, ҳама чизи боқимонда на зиёда аз тӯдаи ночизи сафолпораҳо мебошанд. *Ба хотири Масеҳ* расул онҳоро беҳуда ҳисобид. Гай Кинг менависад: «Ҳамаи дастовардҳо дар доираи молиявӣ ва моддӣ, дар соҳаи ҷисмонӣ, маънавӣ ё ахлоқӣ – ҳамаи ин дар қиёс бо Дастоварди асосӣ ҳеҷ чиз аст».[14]

То даме ки шахс ба ҳамаи ин умед бастанро бас накунад, наҷот ба даст намеоварад. Ҳангоме ки ӯ наҷот ба даст меоварад, ҳамаи ин дар назари ӯ арзишнокии худро гум мекунад, зеро ӯ ҷалоли Худовандро дидааст, ва ҳамаи ҷалолҳои дигар дар муқоиса бо он ҳеҷ мебошанд.

**3,8** Ба назди Масеҳ барои наҷот омада, Павлус *аз ҳама чиз* рӯ гардонд, ҳама чизро дар қиёс *бо афзалияти дониши Исои Масеҳ Худованди* вай беҳуда ҳисобид. Дар зери мафҳуми *афзалияти дониш* дар санъати сухани ибронии қадим «дониши аъло», ё ин ки «арзиши доnише ки аз ҳама чиз бартарӣ дорад» дар назар дошта мешуд.

Насаб, миллат, маданият, нуфуз, маориф, дин, комёбиҳои шахсӣ ҳамаи ин дар чашми Павлус асос барои худситоӣ надошт. Зиёда аз он, ӯ инро ахлот ва пору ҳисобид, *то ки Масеҳро пайдо кунад.*

Агарчи ҳам дар ин оят ва ҳам дар ояти баъдина феълҳо дар замони ҳозира истодаанд, Павлус, моҳиятан, замони имон овардани худро ба хотир меоварад. Барои *пайдо* кардани *Масеҳ ӯ* бояд аз ҳама чизе ки аз ҳама зиёдтар қадр кардани онҳоро ба вай таълим дода буданд, даст мекашид. Агар ӯ Масеҳро пайдо кардан мехост, пас ба дини модар, ба мероси падар ва дастовардҳои шахсиаш бояд «хайрбод» мегуфт.

Ва ӯ чунин кард! Ӯ робитаро бо дини яҳудӣ чун умед ба наҷот қатъиян канд. Хешовандон баъд аз ин ӯро аз мерос маҳрум карданд, дӯстони пешина аз ӯ рӯ гардонданд, ҳамватанон ба таъқиб намудани ӯ сар карданд. Масеҳӣ шуда, ӯ *аз ҳама чиз* ба маънои аслии ин калима *даст кашид*.

Истифодаи замони ҳозира дар ояти 8 ба фикре меоварад, ки Павлус ҳанӯз ҳам бахри *пайдо кардани Масеҳ* мекӯшид. Дар амал бошад ӯ Масеҳро дар ҳамон лаҳзае пайдо кард, ки Ӯро Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ эътироф намуд. Замони ҳозира бошад ба он ишорат мекунад, ки ин муносибат тағйир наёфтааст – ӯ то ба ин рӯз дар муқоиса бо сарвати дониши Худованд Исо ҳамаро *ахлот* меҳисобад. Чизи асосие ки дили ӯ ба он майл дорад *«то ки Масеҳро пайдо кунам»*. На тилло, на нуқра, на обрӯву эътибор дар доираҳои динӣ, балки Масеҳ.

**3,9** *Ва дар Ӯ пайдо шавам.* Дар ин ҷо боз таассуроте пайдо шуданаш мумкин аст, ки Павлус то ҳол мекӯшад дар Масеҳ пайдо шавад. Аммо дар асл ӯ ба он қарори бузурге ки бояд пеш аз наҷот ёфтан қабул мекард, менигарист. Оё ӯ тайёр буд тамоми саъю кӯшиши бо қувваи худ ба даст овардани наҷотро тарк карда, ба Масеҳ эътимод намояд? Павлус интихоби худро кард. Ӯ ҳама чизро тарк кард, то дар Масеҳ пайдо шавад. Дар он лаҳзае ки ӯ ба Худованд Исо имон овард, мавқеи ӯ дар назди Худо қатъиян тағйир ёфт. Офаридгор акнун ӯро на чун фарзанди Одами гуноҳкор медид, не, Ӯ вайро дар *Масеҳ* медид ва ба Павлус бо ҳамон таваҷҷуҳе муносибат мекард, ки ба Худованд Исои Масеҳ дошт.

У айнан ҳамон тавр аз ҷандаҳои ифлоси росткор ҳисобидани худ, ки бо риояи шариат ба он ноил шуданӣ буд, даст кашид ва росткорӣ аз Худоро интихоб намуд, ки ҳар касе ки Наҷотдиҳандаро қабул мекунад, онро дар бар мекунад. Оид ба *росткорӣ* дар ин ҷо чун оид ба либос гуфта мешавад. Росткорӣ ба одам барои он лозим аст, ки назди Худо ҳозир шуда, ҳусни таваҷҷуҳи Ӯро пайдо кунад. Вале одам онро ба вуҷуд оварда наметавонад. Ва бинобар ин Худо дар марҳамати Худ *росткории Худро* ба онҳое медиҳад, ки Писари Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунанд. «Зеро Ӯро (Масеҳро), ки аз гуноҳ бехабар буд, Ӯ (Худо) барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ росткории Худо шавем» (2Қур. 5,21).

Мо мехоҳем бори дигар зикр кунем, ки аз оятҳои 8 ва 9 ба ҳеҷ ваҷҳ барнамеояд, ки Павлус то ҳол росткории Худоро ба даст наовардааст. Баръакс, дар лаҳзае ки дар роҳи Димишқ аз нав зода шуд, ӯ соҳиби он гашт. Истифодаи замони ҳозира ба он ишорат менамояд, ки натиҷаҳои ин ҳодисаи муҳим ҳозир ҳам намоён буданд ва Павлус ҳоло ҳам чунин меҳисобид, ки Масеҳ аз ҳамаи он чизҳое ки ӯ даст кашид, арзандатар аст.

**3,10** Дар ин оят ҳиссиёти асосии зиндагонии расул акси худро ёфтааст. Ф. Б. Мейер дар бораи «рӯҳи ҷӯяндаи муносибатҳои шахсӣ бо Масеҳ» сухан меронад.

Аксари илоҳиётшиносон ба ин оят муроҷиат карда, онро бештар «рӯҳонӣ» карданӣ мешаванд. Онҳо мегӯянд, ки суханони «растохез», *«азоб»* ва *«марг»-ро* дар ин ҷо ба маънои аслияш фаҳмидан лозим нест. Онҳо гӯё барои тасвири ҳиссиёти муайяни соҳаи рӯҳонӣ, ба монанди азоби ақл, марг барои «ман»-и гуноҳкор, зиндагӣ дар қувваи растохез ва ғайра ва ҳоказо истифода шудаанд. Аммо мо мехоҳем дар ин ҷо ба маънои аслиашон фаҳмидани тамоми калимаҳоро пешниҳод намоем. Павлус мегӯяд, ки мехоҳад ба монанди Масеҳ зиндагӣ кунад. Масеҳ азоб кашида буд? Павлус низ азоб кашидан мехоҳад. Исо мурд? Павлус низ бо марги риёзаткашона дар хизмати худ ба Масеҳ мурдан мехоҳад. Исо аз мурдаҳо бархост? Павлус низ худи ҳаминро кардан мехоҳад. Ӯ мефаҳмид, ки ғулом аз Соҳиби худ болотар нест. Бинобар ин ӯ мехост ба Масеҳ дар *азоб, марг ва растохези* Ӯ пайравӣ намояд. Ӯ намегӯяд, ки ҳама бе истисно бояд чунин нуқтаи назар дошта бошанд, вале шахсан барои ӯ роҳи дигар набуд.

*То Ӯро фаҳмам. Ӯро фаҳмам* – он қадар наздик ва ба тариқи аз ҳама амалӣ дар зиндагии ҳаррӯзаи худ бо Масеҳ шинос шудан аст, то кас худ беш аз пеш ба Ӯ монанд шавад. Расул мехоҳад, то дар ӯ зиндагии Масеҳ аз нав такрор ёбад.

*Ва қуввати растохези ӯро.* Дар Навишта *қуввае* ки Худовандро аз мурдагон зинда намуд, чун яке аз зуҳуротҳои барҷастатарини иқтидор тасвия шудааст, ки Худо ягон вақт дар тамоми олам зоҳир кардааст (Эфс.1,19.20). Чунин менамояд, ки тамоми қувваҳои бадӣ ба он нигаронида шуда буданд, то ҷисми Ӯ дар қабр нигоҳ дошта шавад. Вале иқтидори

илоҳӣ Исои Масеҳро дар рӯзи сеюм зинда намуда, фавҷҳои дӯзахро хоку туроб кард. Маҳз ҳамин қувва ба ихтиёри тамоми масеҳиён дода шудааст (Эфс. 1,19) ва онҳо бояд онро бо имон қабул намоянд. Павлус менависад, ки саъй менамояд ин қувватро дар ҳаёти худ ва дар шаҳодати худ дар амал дарк кунад.

*Ва иштирок дар азобҳои Ӯ.* Аз олами боло барои ин қувват нагирифта, барои Масеҳ азоб кашидан имкон надорад. Аз ҳамин сабаб *қуввати растохези Ӯ* пеш аз *иштирок дар азобҳои Ӯ* рӯй додааст.

Дар зиндагонии Худованд азобҳо пеш аз ҷалол рӯй додаанд. Бинобар ин дар зиндагии Павлус ҳам дигар хел буда наметавонист. Ӯ бояд *азобҳои* Масеҳро бо ҳам медид. Ӯ хеле хуб мефаҳмид, ки азобҳои шахсии ӯ арзиши наҷотдиҳандаи азобҳои Масеҳро нахоҳанд дошт, вале ӯ онро ҳам дарк мекард, ки ҳақ надорад дар он ҷаҳоне ки Худованди ӯ рад шуда, азоб дида ба салиб кашида шуда буд, бошукӯҳ ва фориғболона зиндагӣ кунад. Ҷоветт менависад: «Музаффарияти кӯҳи Зайтунро бо ҳам дидан барои ӯ кам буд; Ӯ мехост ақаллан қисми ками дарди сахт, ларза ва танҳоии Ҷатсамониро ҳис намояд».[15]

*Дар марги Ӯ ба Ӯ монанд шавам.* Чунон ки пеш гуфта шуда буд, аз ҳама зиёд ин суханонро чун хоҳиши ба салиб кашидани зиндагии худ, барои гуноҳ барои «ман»-и худ ва ҷаҳон мурдани Павлус шарҳ медиҳанд. Ба ақидаи мо бошад чунин шарҳ додан ин суханонро аз қувваи ҳайратовари онҳо маҳрум месозад. Албатта, ин нуқтаи назар низ дар мазмуни умумии оят мавҷуд аст, вале мазмуни он бағоят васеътар аст. Павлус пайрави боэҳтирос ва содиқи Оне буд, ки дар салиби Ҷолҷолто мурд. Вале ба ғайр аз ин, ӯ дар вақти марги риёзаткаши аввалини ҷамоати масеҳӣ ҳозир буд, зиёда аз он шарики кушандагони ӯ буд! Ба назари мо чунин менамояд, ки Павлус хеле мехост зиндагии худро баҳри хизмати Масеҳ қурбон кунад. Шояд, ӯ чунин меҳисобид, ки дар осмонҳо ӯ ба чашмони Истефанус нигоҳ карда наметавонад, агар ӯ дар замин на марги пуразоб, балки роҳи дигарро интихоб намояд.

Ҷоветт менависад:

*Аксарияти масеҳиён қаноатманданд, агар нарх он қадар баланд набошад ва аз онҳо «рехтани хун»-ро талаб накунад. Онҳо он чизеро медиҳанд, ки даст кашидан аз он барояшон ягон заҳматро талаб намекунад. Атоҳояшон бо торҳои махсус бо онҳо пайваст нестанд, он атоҳоро аз худ «бо гӯшт» канда гирифтан лозим нест. Онҳо бо майли том то он замон қурбонӣ мекунанд, ки ин ба худи зиндагии онҳо дахл накунад; вақте ки аз ягон чизи ҳақиқатан ҳаётан муҳим даст кашидан талаб карда шавад, маълум мешавад, ки асарашон ҳам намондааст. Онҳо дар сафҳои аввали намоишҳои музаффарона мебошанд ва бо хушнудӣ ба ороиши дурахшон – лентаҳои рангоранг ё навдаҳои нахл як-ду танга сарф мекунанд; вале ҳамин ки ба ҷои «аҳсант» ва «ҳушаъно» таҳдид ва норозигии бадхашмона садо диҳад, ҳамин ки дар доираи назар Ҷолҷолто намоён шавад, онҳо хилваткадаи бехатарро ҷустуҷӯ мекунанд.*[16]

Ин ҷо бошад дар назди мо расулест, ки бесаброна интизор аст, ки кай аз ӯ ин қурбонии бузург ва ҳалкунанда талаб карда мешавад. Ӯ бо хурсандӣ аз имконияти додани қуввати хуни худ дар хизмат ба Подшоҳӣ пешакӣ лаззат мебарад! Агар лозим бошад, ӯ тайёр аст ҳамаи онро то қатраи охирин диҳад!

Дар ҳамин бора Ҳадсон Тейлор ҳам навишта буд:

*Барои зиндагии ҷаҳон худро додан хеле муҳим аст ... салибро ба китфи худ қабул накарда, самар овардан номумкин аст. «Агар донаи гандум ба замин афтида намирад, танҳо мемонад». Мо медонем, ба чӣ тариқ Худованд Исо ҳосили фаровон оварда тавонист – на танҳо бо он ки салиби Худро гирифт, балки бо он ки дар он мурд. Торҳои муносибатҳои мо бо Ӯ дар ин соҳа то чӣ андоза мустаҳкаманд? Наход дар дунё ду Масеҳ бошад – Масеҳи беғам барои масеҳиёни беғам ва Масеҳе ки азоб мекашад, меҳнати вазнин мекунад – барои якчанд тан масеҳиёни фавқулода? Не, танҳо як Масеҳ ҳаст. Оё мо тайёрем дар Ӯ бошем ва ба ҳамин тариқ ҳосил оварем?*[17]

Ва ниҳоят, С. А. Коутс менависад:

*Дар ҷалол шинохтани Масеҳ хоҳиши асосие буд, ки дар дили Павлус мезист. Ин хоҳиш наметавонист кӯшиши боэҳтироси рафтанро ба ҷое ки Ӯ ҳозир дар он ҷост, ба вуҷуд наоварад. Ва бинобар ин диле ки беист ба Масеҳ майл дорад, беихтиёр ба он роҳе рӯ меоварад, ки Ӯро ба ҷои ҷалол овард, ва он ҷиддан мехоҳад ба он ҷо бо худи ҳамон пайраҳае ки Ӯ дар он қадам мезад, назди Ӯ ояд. Дил мепурсад: «Ӯ чӣ*

*гуна ба ин ҷалол омад? Ба воситаи растохез? Вале оё азоб ва марг ба таври ҳатмӣ пеш аз растохез рӯй намедиҳанд?» Баъд дил мегӯяд: «Ҳеҷ чиз ба ман он қадар ҳузуру ҳаловат намебахшад, чунон ки имконияти то Ӯ расидан дар ҷалоли растохез бо худи ҳамон пайраҳае ки Ӯро ба он ҷо овард!» Ин рӯҳи азияткашӣ аст. Павлус мехост чун азияткаш бо роҳи азоб ва марг гузарад, то ки ба растохез ва ҷалол бо ҳамон пайраҳае ояд, ки Шахси муборакии дили ӯро мафтункарда омада буд.*[18]

**3,11** Дар ин ҷо мо аз нав бо мушкилоти маънидод дучор мешавем. Оё мо ин оятро ба маънои аслӣ ё ба маънои рӯҳонӣ бояд фаҳмем? Якчанд варианти маънидоди он ҳаст, ана асосиҳои он:

1. Павлус дилпур набуд, ки аз мурдагон зинда мешавад ва бинобар ин зӯр зада мекӯшид иштироки худро дар растохез таъмин намояд. Вале дар ин як қатра ҳам ҳақиқат нест. Павлус ҳамеша таълим медод, ки растохез атои файз аст, на ин ки музд барои меҳнати одам. Илова бар он ӯ бо эътимоди устувор мегуфт, ки дар растохез иштирок хоҳад кард (2Қур. 5,1-8).
2. Павлус на дар бораи растохези ҷисмонӣ мегуфт, балки ба хоҳиши дар ин ҷо, дар замин, дар қувваи растохез зиндагӣ кардани худ истинод менамуд. Эҳтимол, ба чунин ақида аксари илоҳиётшиносон тарафдор ҳастанд.
3. Павлус дар бораи растохези ҷисмонӣ сухан меронд, вале асло аз хусуси иштироки худ дар он шубҳа намекард. Аниқтараш ӯ мегуфт, ки ӯро ҳамаи он азобҳое ба ташвиш намеандозанд, ки дар роҳ ба растохез метавонанд интизораш бошанд. Ӯ тайёр буд аз озмоишҳои вазнин ва таъқибот гузарад, агар маҳз онҳо дар байни имрӯз ва растохез истода бошанд.

Мо бо варианти сеюм розӣ ҳастем. Расул мехост дар ҳама чиз ба Масеҳ пайравӣ намояд. Азбаски Масеҳ азоб кашид, мурд ва аз мурдагон бархост, Павлус ҳам чунин меҳисобид, ки барои ӯ тақдири шоистатар нест. Метарсем, ки ба ҳузуру ҳаловат, ҳашамат ва оромӣ майл доштанамон моро маҷбур месозад, то кунҷҳои тези чунин оятҳои Навиштаи Муқаддасро аз байн барем. Оё мо ба ҳақиқат наздиктар намешавем, агар онҳоро ба маънои аслӣ ба ҳамон тарзе ки онҳо навишта шудаанд, қабул карда, танҳо ҳамон вақт мустасно кунем, ки маънои ошкоршаванда ба таълимоти тамоми Навиштаи Муқаддаси боқимонда мухолифат кунад?

Пеш аз он ки ба ояти дигар гузарем, зикр кардан зарур аст, ки Павлус дар бораи *растохез аз мурдагон* мегӯяд. Ин растохези ҳамаи мурдагон нест. Дар ин ҷо, аниқтараш, тасвири *растохезест,* ки дар он баъзеҳо зинда мешаванд, дигарон бошанд дар қабрҳо мемонанд. Аз 1Тасолуникиён 4,13-18 ва 1Қуринтиён 15,51-57 мо медонем, ки масеҳиён вақти омадани Масеҳ зинда мешаванд (касе дар вақти ба осмон гирифта шудан, касе дар охири давраи Мусибати Бузург); тамоми мурдагони боқимонда танҳо ҳамон вақт зинда мешаванд, ки Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ дар замин ба охир мерасад (ниг. Ваҳй 20,5).

**3,12** Расул чунин намеҳисобид, ки *аллакай* ба камолот *расид.* Ин камолот ба растохези ояти пешина дахл надорад, балки ба тамоми мавзуи монандии мо ба Масеҳ дахл дорад. Павлус исрор намекард, ки масеҳӣ бегуноҳиро ё чунин ҳолатеро, ки пешрафти баъдина ғайриимкон бошад, ба даст оварда метавонад. Ӯ мефаҳмид, ки «қаноат қабри пешрафт аст».

Бинобар ин ӯ монда нашуда ба пеш мешитофт, то Худованд Исо дар ӯ ба мақсаде расида тавонад, ки ӯро баҳри он наҷот дод. *Исои Масеҳ* ба расул дар роҳ ба Димишқ *расид.* Мақсади ин вохӯрии муҳим чӣ гуна буд? Мақсад он буд, ки аз Павлус намунаи имондореро созад, то дар мисоли ӯ ҳама бинанд, ки Масеҳ дар ҳаёти одам чӣ кор карда метавонад. Павлус алҳол ба монандии пурра ба Масеҳ нарасидааст. Ин раванд ҳанӯз давом дошт ва расул бо тамоми дилу ҷон мехост, ки меҳнати баракати Масеҳ давом ёбад ва чуқуртар шавад.

**3,13** Ин одам, ки новобаста ба миқдори неъматҳои моддиаш қаноатпешагиро ёд гирифта буд (4,11), ҳеҷ гоҳ бо дастовардҳои рӯҳонии худ қаноатманд набуд. Ӯ *гумон намекард, ки* ба охири роҳ *расидааст.* Пас ӯ чӣ кор мекард?

*Балки танҳо як корро мекунам* ... Вай одами бомақсад буд. Ӯ танҳо як мақсад ва як хоҳиш дошт. Ӯ дар ин ба Довуд хеле монанд аст, ки боре гуфта буд: «Як чизро аз Худованд талабидам».

*Он чиро, ки дар қафост, аз ёд бароварда* ... Расул на танҳо гуноҳҳо ва хатоҳои худро,

балки имтиёзҳои табиии худро, барор ва муваффақиятҳои дар аввали боб тасвиркарaашро ва ҳатто ғалабаҳои рӯҳонии худро фаромӯш мекард.

*Ва сӯи он чи дар пеш аст, ҳаракат карда ...* Ӯ бо қатъият ба имтиёзҳо ва вазифаҳои зиндагонии масеҳӣ мешитофт, хоҳ парастиш, хизмат ё ин ки балоғати хислати шахсии масеҳии ӯ бошад.

**3,14** Худро чун иштирокчии давиш ҳисобида Павлус менависад, ки қувваро дареғ надошта, *сӯи мақсаде* мешитобад, *ки мукофоти даъвати осмонии Худо дар Исои Масеҳ аст.*

*Мақсад* хати марра дар охири пайраҳаи пойга аст. *Мукофот* он чизест, ки ба ғолиб дода мешавад. *Мақсад* дар ин маврид фарҷоми давиш дар тули зиндагӣ буда, комилан имкон дорад, ки ин ҷо *мақсад* ба маънои Курсии Доварии Масеҳ омадааст. Мукофот бошад, эҳтимол, тоҷи адолат мешавад, ки дар бораи он Павлус дар дигар ҷой чун мукофот ба онҳое ки хуб давида буданд, сухан меронад (2Тим. 4,8)

*Даъвати осмонии Худо, ки дар Исои Масеҳ аст,* тамоми он мақсадҳоро дар бар мегирад, ки Худо моро наҷот дода, дунболагирӣ карда буд: наҷоти мо, монандӣ ба Масеҳ, шарик будан дар мероси Ӯ, манзил дар осмонҳо ва маҷмуи бешумори дигар баракатҳои рӯҳонӣ.

## VII. ДАЪВАТ ОИД БА ИБРАТИ РАСУЛРО БА ИНОБАТ ГИРИФТА, ЧУН ШАҲРВАНДОНИ ОСМОН РАФТОР КАРДАН (3,15-21)

**3,15** *Ҳар касе аз мо, ки комил бошад,* бояд чун Павлус ҳозир бошад, ки барои Масеҳ азоб кашад ва бимирад ва бо тамоми қувват кӯшиш кунад, то боз ҳам зиёдтар ба Худованд Исо монанд бошад. Ин нуқтаи назари баркамол ба имони масеҳӣ мебошад. Касе метавонад ӯро ғайриодӣ, қатъӣ ё мутаассиб ҳисобад. Аммо расул чунин меҳисобад: ҳамаи онҳое ки ба балоғати рӯҳонӣ расидаанд, эътироф хоҳанд кард, ки он ягона ҷавоби боақлона, мантиқӣ ва қобили қабул ба Касест, ки барои онҳо дар Ҷолҷолто хуни Худро рехт.

*Вале агар шумо фикри дигаре дошта бошед, Худо инро ҳам ба шумо ошкор месозад.* Павлус дарк мекунад, ки на ҳама ба ибрати ӯ пайравӣ мекунанд ва чунин фалсафаи хатарнокро интихоб менамоянд. Вале ӯ бовари изҳор менамояд, ки агар одам ҳақиқатан ба ёфтани ҳақиқат кӯшиш кунад, *Худо* ҳатман онро ба ӯ *ошкор месозад.* Масеҳияти фориғбол, мағрур аз он сабаб пайдо шудааст, ки мо ҳақиқатро донистан намехоҳем; мо ба талаботи масеҳияти идеалӣ итоат кардан намехоҳем. *Худо* омода аст ҳақиқатро ба онҳое ошкор кунад, ки тайёранд аз рӯи он зиндагӣ кунанд.

**3,16** Баъд расул илова мекунад, ки мо бояд дар мувофиқат ба он фаҳмише ки Худованд Исо ба мо додааст, зиндагӣ кунем. Мо набояд даст болои даст гузошта интизор бошем, ки кай дарки ҳамаи он чизҳоеро ба даст меоварем, ки аз мо чун аз масеҳиён талаб карда мешавад. То вақте ки Худованд ба мо маънои пурраи салибро ошкор месозад, интизор шуда, мо бояд мувофиқи он ҳиссаи ҳақиқате ки аллакай фаҳмидаем, зиндагӣ кунем.

**3,17** Акнун Павлус ба насиҳат мегузарад ва дар ибтидо филиппиёнро даъват менамояд, то ба Ӯ пайравӣ кунанд, ё ибрат гиранд. Чунин чизеро навишта тавонистани вай ба шарофати зиндагии аз ҳар ҷиҳат ибратомӯзи вай даст додааст. Имрӯз чунин зарофатро шунидан мумкин аст: «Чунон бикун, ки ман ба ту мегӯям, наончунон ки ман мекунам». Вале барои расул ҳама чиз дигар хел аст. Ӯ бо ҳуқуқи пурра ба зиндагии худ чун намунаи вафодории комил ба Масеҳ ва кори Ӯ ишора карда метавонист.

Леман Штраус менависад:

*Павлус чунин меҳисобид, ки марҳамати Худо ба ӯ барои он зоҳир шуд, ки ӯ «намунаи ибрат» шавад; ҳамин тариқ, тамоми зиндагии ӯ аз лаҳзаи бозгашт намудан сар карда, ба чунин масъалаи бузург бахшида шуда буд: ба дигарон ошкор намудани нақшаи умумии он, ки масеҳӣ бояд чӣ гуна бошад. Худо Павлусро барои он наҷот дод, ки ӯ дар намунаи бозгашт карданаш ин чизро нишон дода тавонад: он чиро, ки Исои Масеҳ барои ӯ кард, барои дигарон низ метавонад кунад ва ҳатман мекунад. Оё Худованд, ба шумо ва ба ман марҳамати Худро пешкаш намуда, ҳамин мақсадро дунболагирӣ намекард? Ман чунин меҳисобам, ки Ӯ моро барои он наҷот дод, ки мо ба наслҳои ояндаи масеҳиён намунаи ибрат шавем. Оё мо намунаи шахсони бо файзи Ӯ наҷотёфта ҳастем? Агар ин чунин бошад, бисёр хуб!*[19]

*Ва ба касоне нигоҳ кунед, ки мувофиқи намунае ки дар мо доред, рафтор мекунанд.*

Ин ба ҳамаи он касоне дахл дорад, ки монанди Павлус зиндагӣ мекарданд. Ин на барои чун намунаи манфӣ ҷудо кардани онҳо гуфта шудааст, чунон ки дар ояти оянда ҳаст, балки барои он ки мо аз пайи онҳо рафта, ба онҳо бодиққаттар нигоҳ кунем.

**3,18** Дар ҳоле ки дар ояти 17 онҳое тасвир карда шудаанд, ки масеҳиён *бояд* ба онҳо тақлид намоянд, дар ин ҷо оид ба одамоне гуфта мешавад, ки ба онҳо тақлид кардан лозим нест. Расул тасвири аниқи онҳоро намедиҳад. Ӯ намегӯяд, ки оё инҳо шариатпарастон аз ояти 2 буданд ё касоне буданд, ки худро масеҳӣ номида, озодиро ба бебанду борӣ баргардонида буданд, файзро бошад чун сабаб барои гуноҳ истифода мебурданд.

Павлус пеш ҳама муқаддасонро аз хатари ин гуна одамон огоҳонида буд ва боз аз нав инро *бо гиря* мегӯяд. Вале ин гиря дар иҳотаи суханони мазамматии вазнин оид ба чист? Он оид ба зарари расондаи чунин одамон ба ҷамоати Худо аст; дар бораи ҳаётҳоест, ки онҳо барбод додаанд; дар бораи таҳқирест, ки онҳо ба номи Масеҳ ба вуҷуд овардаанд; дар бораи он аст, ки онҳо маънои ҳақиқии салибро пинҳон мекарданд. Вале ашкҳо аз ин сабаб ҳам мерехтанд, ки муҳаббати ҳақиқӣ ҳатто *душманони салиби Масеҳро* маҳкум карда, гиря накарда наметавонад, монанди он ки Худованд Исо ба дилсахтии шаҳри Уршалим гиря карда буд.

**3,19** Ба чунин одамон ҳалокати ҷовидонӣ таҳия карда шудааст. Ин нест карданро не, балки доварии абадии Худоро дар кӯли оташ ифода мекунад.

*Худои онҳо шиками* онҳо буд. Ҳамаи он коре ки онҳо мекарданд, ҳатто агар он номи хизмати диниро дошт, як мақсад дошт – хариди ғизо (ва, эҳтимол, нӯшокӣ) барои қонеъ кардани иштиҳои ҷисмониашон. Ф. Б. Мейер ба ин одамон тавсифи хеле нуктасанҷона додааст. *«Дар зиндагии онҳо барои ҷамоат ҷой нест. Сар то сар онро пилтаи ошхона пур кардааст»*.

*Ҷалоли онҳо дар нанги* онҳо буд. Онҳо бо он чиз худситоӣ мекарданд, ки бояд аз он шарм медоштанд – бо бараҳнагӣ ва рафтори бадахлоқонаи худ.

Онҳо пурра бо *чизҳои заминӣ* банд буданд. Дар зиндагии онҳо ғизо, либос, эҳтиром, ҳузуру ҳаловат ва фараҳ аз ҳама асосӣ буданд. Вақте ки онҳо дар назди қабоҳати ин ҷаҳон тамаллуқ мекарданд, фикрҳо оид ба чизҳои ҷовидонӣ ва осмонӣ оромии рӯҳии онҳоро вайрон намекарданд. Онҳо ҳамин тавр рафтор мекарданд, ки гӯё дар замин абадан зиндагӣ карданӣ буданд.

**3,20** Расул ба ин тарзи тафаккур фикрҳои ба осмон нигаронидашудаи масеҳиёни ҳақиқиро муқобил мегузарад.

Дар замонҳои навишта шудани Нома Филиппӣ колонияи румӣ буд (Аъм. 16,12). Филиппиён шаҳрвандони Рум буданд, дар зери ҳимояи он буданд ва аз тамоми имтиёзҳо истифода мебурданд. Вале дар баробари ин онҳо тобеони ҳокими маҳаллӣ низ буданд. Ин хусусияти мавқеи онҳоро истифода бурда, расул ба масеҳиён ёдрас мекунад, ки *ватани* (ё шаҳрвандии) онҳо *дар осмон аст*. Моффатт ин ибораро чунин тарҷума мекунад: «Вале мо колонияи осмонем».

Ин онро ифода намекунад, ки масеҳиён дар айни замон шаҳрвандони давлатҳои заминӣ низ намебошанд. Дар дигар ҷойҳои Навишта аниқ гуфта шудааст, ки мо бояд ба ҳукуматҳои худ итоат намоем, зеро онҳо аз тарафи Худо таъйин шудаанд (Рум. 13,1-7). Масеҳиён дар ҳақиқат бояд дар ҳама коре ки аз тарафи Худо манъ карда нашудааст, ба ҳукумат итоаткор бошанд. Филиппиён нисбат ба ҳукумати маҳаллӣ ва нисбат ба қайсари Рум риояи қонунро бояд нигоҳ доранд. Инак, масеҳиён дар назди ҳукуматҳои заминӣ уҳдадориҳо доранд, вале дар ҷои якум барои онҳо ҳамеша садоқат ба Худованди осмон бояд истад.

Мо на танҳо шаҳрвандони осмонем, балки бо бесабрӣ *Наҷотдиҳандаро* аз осмон *интизор ҳастем!* Калимае ки *«интизор ҳастем»* тарҷума шудааст, дар асл мафҳуми хеле пурзӯрест, ки маънояш интизории бошиддат ба чизест, ки мувофиқи ақидаи шахси интизорӣ мекашида наздик аст. Ба маънои аслӣ ин «барои дидан ё шунидани ягон чиз гардан дароз кардан»-ро ифода мекунад.

**3,21** Ҳангоме ки Худованд Исо аз осмон меояд, Ӯ бадани моро *дигаргун хоҳад кард*. Дар бадани одамӣ аслан ҳеҷ чизи бад ё ҷиноӣ нест. Бадӣ дар он чизест, ки баданро барояш истифода мебаранд.

Вале ин *бадан ночиз* аст. Он бо ожангҳо ва доғи захмҳо лаккадор шудааст, тобеи пирӣ, азобҳо, беморӣ ва марг аст. Он моро маҳдуд мекунад ва фишор медиҳад!

Худованд онро ба *бадани пурҷалол* табдил медиҳад. Мо қобилияти бо тамоми амиқияш фаҳмидани инро надорем. Ҷисми мо дигар дар зери ҳукми хазоншавӣ ё марг намешавад, аз маҳдудияте ки замон ё табиат мегузорад, раҳоӣ меёбад. Ин ҷисми воқеӣ мешавад ва дар айни ҳол он ба шароити зиндагӣ дар осмон хеле мувофиқ карда мешавад. Он ба ҷисми зиндашудаи Худованд Исо монанд мешавад.

Ин онро ифода намекунад, ки ҳамаи мо ба якдигар монанд мешавем! Баъд аз растохези Исо монанди аввала Ӯро ҳама мешинохтанд ва бе ягон шакку шубҳа, дар абадият ҳар як шахс симои ҷисмонии шахсии худро соҳиб мешавад.

Аз ин оят хулоса баровардан мумкин нест, гӯё мо дар оянда ба Худованд Исо дар сифатҳое монанд мешуда бошем, ки ба Ӯ чун ба Худо хос ҳастанд. Мо ҳеҷ гоҳ на ҳамадон мешавем, на тавоно; ва мо дар як вақт дар ҳама ҷо ҳозир буда наметавонем.

Вале симои маънавии мо ба симои маънавии Худованд Исо монанд мешавад. Мо барои ҳамеша аз гуноҳ озод мешавем. Маълумоти ин оят барои қонеъ кардани ҳисси кунҷковии мо кифоя нест, вале он барои дастгирии умед ва тасалло бахшидан мерасад.

*Бо амали ҳамон қуввате ки бо он Ӯ ҳама чизро ба Худ тобеъ намуда метавонад. Дигаргуншавии ҷисмонии мо бо ҳамон қувваи илоҳӣ ба ҷо оварда мешавад, ки онро Худо баъдтар кор мефармояд, то ки ҳама чизро ба Худ тобеъ кунад.* Ӯ «метавонад наҷот диҳад» (Ибр. 7,25). Ӯ «метавонад мадад расонад» (Ибр. 2,18). Ӯ «метавонад аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад» (Яҳ. 24). Акнун бошад аз ин оят мо мефаҳмем, ки Ӯ *ҳама чизро тобеъ намуда* метавонад. «Зеро ин Худо Худои мост то абад; Ӯ моро то дами марг ҳидоят хоҳад кард» (Заб. 47,15).

## VIII. ДАЪВАТ БА ҲАМФИКРӢ, ЁРИИ ҲАМДИГАРӢ, ШОДӢ, ПУСАБРӢ, ДУОИ ДОИМӢ ВА ИНТИЗОМНОКИИ АНДЕШАҲО (4,1-9)

**4,1** Дар асоси он умеди зебое ки манзараи онро расул дар пеши нигоҳи ботинии масеҳиён дар ояти пешина кашид, ӯ акнун ба онҳо насиҳат медиҳад, то *дар Худованд истодагарӣ намоянд*. Дар ин оят муҳаббати Павлус ба масеҳиён дар он ифода ёфтааст, ки ӯ чӣ тарз ба онҳо муроҷиат мекард. Ӯ онҳоро *бародарони* худ меномад. Вале на танҳо бародарон, балки *бародарони азиз* меномад. Баъд ӯ мегӯяд, чӣ гуна ӯ муштоқи дидори онҳост, яъне чӣ гуна ӯ мехоҳад боз аз нав бо онҳо бошад. Сонитар ӯ дар бораи онҳо чун дар бораи *шодмонӣ ва тоҷи сари* худ сухан меронад. Расул, бешубҳа, дар назар дорад, ки онҳо *шодмонии* ӯ дар ин рӯзҳо ва дар назди Курсии Доварии Масеҳ *тоҷи сари* ӯ хоҳанд шуд. Ин оятро муроҷиати *«эй азизон»* ба охир мерасонад. Расул дар ҳақиқат одамонро дӯст медошт ва яке аз асрори таъсирбахшии зиёди меҳнати ӯ барои Худованд маҳз дар ҳамин буд.

**4,2** *Авудия* ва *Синтихӣ* ду зан дар ҷамоати Филиппӣ буданд, ки байни худ на он қадар муросо мекарданд. Мо дар бораи сабаби мухолифати онҳо ҳеҷ чиз намедонем (ва ин, эҳтимол, боз ҳам беҳтар аст!).

Расул ду маротиба калимаи *«илтимос мекунам»*-ро истифода мебарад, то нишон диҳад, ки насиҳати ӯ ҳам ба яке ва ҳам ба дигаре дахл дорад. Павлус онҳоро даъват менамояд, ки *дар Худованд ҳамфикр бошанд*. Ҳамеша нисбати кор ва мушкилоти ҳаррӯзаи зиндагониамон тарафдори ақидаи якхела будан имконнопазир аст, вале дар он чи ба *Худованд* дахл дорад, мо пурра метавонем аз ҳамаи мухолифатҳои хурд ва шахсӣ даст кашем, то Худованд ҷалол ёбад ва кори Ӯ пеш равад.

**4,3** Пурра аниқ нест, ки ин *ҳамкори самимӣ* (ё «рафиқи ҳамкор»[20]), ки Павлус ба ӯ муроҷиат мекунад, кист. Баъзеҳо номи Луқо ва Тимотиюсро номбар менамоянд, вале эҳтимоли бештар дорад, ки ин ҷо сухан дар бораи Эпафрудитус меравад. Павлус ӯро даъват менамояд, то *ба заноне ки* бо расул *дар башорат ҷидду ҷаҳд кардаанд, кӯмак* намояд. Мо чунин мешуморем, ки дар ин ҷо Авудия ва Синтихӣ дар назар дошта шудаанд. Расул Павлус маслиҳате медиҳад, ки ба оқилона будани он бисёр касон боварӣ ҳосил кардаанд. Аксаран, ҳангоме ки дар байни ду кас ҷанг якбора аланга мегирад, сабаби мухолифати пайдошударо ба доварии тарафи сеюм – шахси баркамоле ки қобилияти мулоҳизаи баланди маънавӣ дорад, вогузор намуда, онро хомӯш кардан мумкин аст. Албатта, ӯ ба сифати довар баромад намекунад ва қарори тайёрро бароварда

намедиҳад. Ба ҷои ин ӯ метавонад ба Каломи Худо муроҷиат намуда, ба тарафҳои мухолифаткунанда он роҳи ҳалли мушкилиро нишон диҳад, ки ба Каломи Худо мувофиқат мекунад.

Ҳангоми кӯшиши шарҳи суханони *«барои кори Инҷил бо ман ҷидду ҷаҳд кардаанд»* эҳтиёткории фавқулода даркор аст. Мо ба ҳар гуна хаёлоти беандоза соҳиб бошем ҳам, тахмин кардан номумкин аст, ки онҳо Хушхабарро паҳлу ба паҳлу бо расул Павлус мавъиза менамуданд. Ба ғайр аз панддиҳӣ ва мавъизагарии оммавӣ занон дигар имкониятҳои зиёди хизмат баҳри Хушхабарро доранд: ба хизматгорони Масеҳ меҳмондӯстӣ кардан, ба хонаҳо ташриф оварда ба занони ҷавон ва кӯдакон насиҳат кардан.

Ва боз як ҳамкор бо номи *Климентус* номбар карда мешавад. Дар бораи ӯ дигар ҳеҷ гуна маълумот нест. Баъдтар Павлус *ҳамкорони дигари* худро номбар менамояд, *ки номашон дар дафтари ҳаёт аст.* Расул тасвири ҳайратангези баракати ҷовидонӣ ва ақлнорасро ёфт, ки бо бандҳои канданашавандаи имон ба Масеҳ ва хизмат ба Ӯ алоқаманд мебошанд.

**4,4** Акнун ба тамоми ҷамоат муроҷиат намуда, Павлус насиҳати дӯстдоштаи худро такрор менамояд. Сирри ин насиҳат дар калимаҳои *«дар Худованд»* мебошад. Вазъияти зиндагии масеҳӣ ҳар қадар тезу тунд шавад ҳам, ӯ ҳамеша имконияти *дар Худованд шод* буданро дорад.

Ба таҷрибаи шахсии худ такя карда, Ҷоветт дар бораи шодии масеҳӣ чунин менависад:

*Шодии масеҳӣ кайфиятест, ки ба ҳеҷ андоза ба шароитҳои берунӣ вобаста нест. Агар он ба вазъиятҳои берунӣ вобаста мебуд, пас он ба шуълаи ноустувори шамъ дар шабе ки боди пуршиддат мевазад, монанд мешуд. Шамъ лаҳзаи кӯтоҳе равшан ва баробар месӯзад, вале ана пилтаи он базӯр мил-мил месӯзад ва атроф торафт ториктар мешавад. Шодии масеҳӣ бошад ба ҳеҷ ваҷҳ бо вазъиятҳои гузарандаи зиндагӣ алоқаманд нест ва бинобар ин қурбонии рӯзи гузаштаистода буда наметавонад. Мана шароити ман он қадар хуб таркиб ёфтааст, ки рӯзи офтобии моҳи июнро ба хотир меоварад; вале хеле зуд ҳама чиз тағйир меёбад ва ба рӯзи абрнок дар моҳи ноябр монанд шудан мегирад. Имрӯз ман дар базм ҳастам; пагоҳ дар назди қабри кушода истодаам. Имрӯз дар хизмати Худованд ман ба даҳ кас роҳи наҷотро нишон медиҳам; баъд силсилаи дарози рӯзҳое меояд, ки ман ягон одамро номбар карда наметавонам, ки барои назди Худо омаданашон ёрӣ дода бошам. Бале, рӯзҳо чун обу ҳаво тағйирёбандаанд, вале шодии масеҳӣ нагузаранда шуда метавонад. Пас, сирри пойдории пурҷалоли он дар чист?*

*Сирри он ана дар чист. «Инак Ман ҳаррӯза бо шумо ҳастам». Дар ин рӯзҳои ҳамеша тағйирёбанда Ӯ тағйир намеёбад ва монда намешавад. Ӯ на аз он ҳамсафарон аст, ки то замоне ки офтоб метобад, паҳлу ба паҳлу меистанд ва ҳамин ки осмонро абрҳо фаро мегиранд, нест мешаванд. Ӯ аз ҳалқаи рӯзҳо лаҳзаҳои пешрафт ва базмҳоро интихоб намекунад ва дар рӯзҳои муфлисӣ ва мағлубият дурӣ намеҷӯяд. Ӯ на онест, ки танҳо ҳангоми ба ман супорида шудани гулчанбари ғолиб пайдо мешавад, ва ҳамин ки ба сари ман тоҷи хор мегузоранд, пинҳон мешавад. Ӯ дар ҳама рӯзҳо бо ман аст – дар рӯзҳои пешрафт ва дар рӯзҳои мусибат; дар рӯзҳое ки ноқуси дафн занг мезанад ва дар рӯзҳое ки зангӯлачаи базми арӯсӣ марғуланок месарояд. «Ҳамеша». Дар рӯзҳои ҳаёт, дар рӯзи марг, дар рӯзи доварӣ.*[21]

**4,5** Акнун Павлус филиппиёнро ба он даъват менамояд, ки *нармдилии* онҳо *ба ҳамаи* одамон *маълум гардад.* «Нармдилӣ»-ро дар ин ҷо чун «гузашт кардан», «дурандешии нек» ва «омодагии аз роҳҳои худ даст кашидан» ҳам тарҷума кардан мумкин аст. Мушкилии асосӣ на дар фаҳмиши маънии ин ибора, балки дар итоат ба фармони *«ба ҳамаи одамон»* мебошад.

*«Худованд наздик аст»* метавонад онро ифода кунад, ки Худованд ҳамеша ба мо бисёр наздик аст, ё ин ки омадани Ӯ он қадар дур нест. Ҳам ину ҳам он дуруст аст, ҳарчанд шахсан мо тарафдори нуктаи назари дуюм ҳастем.

**4,6** Наход дар ҳақиқат мумкин аст, ки масеҳӣ дар бораи ҳеҷ чиз *ғам нахӯрад?* Ин мумкин аст, то даме ки мо аз сарчашмаи дуои имон қувват мегирем. Сипас дар оят шарҳ дода мешавад, ки мо чӣ тавр метавонем зиндагонии худро аз изтиробҳои гуноҳкорона пок намоем. Мо бояд ҳама чизро дар *дуо* ба назди Худованд биёрем. *Ҳар чиз* ҳама чизро ифода мекунад. Ҳеҷ чизе нест, ки ба Ӯ бениҳоят бузург ё бениҳоят ночиз намояд, яъне ба ғамхории Ӯ наарзад!

*Дуо* ҳам амал ва ҳам муҳит аст. Мо ба назди Худованд дар ягон вақти муайян меоем ва ба назди пои Ӯ ягон хел илтимоси муайянро мегузорем. Вале мо дар *муҳити* дуо ҳам зиндагӣ карда метавонем. Мо метавонем чунин кунем, ки рӯҳияи асосии зиндагонии мо рӯҳияи дуо бошад. Пурра мумкин аст, ки дуо дар ин оят мақсади умумии зиндагонии моро ифода мекунад, *илтимос* бошад – *он хоҳишҳои* муайяне ки бо онҳо мо ба Худованд муроҷиат менамоем.

Ба он чиз диққат додан зарур аст, ки *хоҳишҳои худро* мо бояд *дар назди Худо ҳамроҳи шукргузорӣ ошкор намоем.* Касе мазмуни асосии ин оятро чунин мухтасар ифода кардааст: «Дар бораи ҳеҷ чиз ошуфта нашудан, оид ба ҳама чиз дуо гуфтан, ҳамеша барои ҳама чиз шукргузорӣ кардан».

**4,7** Агар муносибати ба ин монанд барои зиндагии мо хос гардад, пас *осоиши Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои* мо ва *фикрҳои* моро *дар Исои Масеҳ нигоҳ медорад. Осоиши Худо* – эҳсоси оромии муқаддас ва қаноатмандист, ки дили масеҳиро пур мекунад, вақте ӯ қатъиян ба Худо умед мебандад.

*Ба Худо такя карда, дилҳо аз баракат лабрез мешаванд;*
*Осоиш ва оромии пурраро, чунон ки Ӯ ваъда дод, меёбанд.*

Френсис Р. Ҳавергал

Ин *осоиш аз ҳар хирад болотар аст.* Барои хиради дунявӣ чунин осоиш комилан даркнашаванда аст ва ҳатто дар масеҳиёне ки онро дарк кардаанд, зоиқаи сирри мафтункунанда мемонад. Худи онҳо аз набудани изтироб дар дили худ ё тарс дар назди фоҷиа ё вазъиятҳои номусоид дар ҳайратанд.

Ин *осоиш* дилҳо ва фикрҳоро муҳофизат мекунад. Ин воситаи рӯҳафзо дар ин замони ҷунунҳо, заифии асабҳо, тобеият ба доруҳои оромкунанда ва хасташавии ақл ба ҳамаи мо хеле зарур аст.

**4,8** Дар ин ҷо расул маслиҳати охирин медиҳад, ва ӯ ба доираи андешаҳои мо дахл мекунад. Навиштаи Муқаддас ҳамеша ба мо оид ба қобилияти дар зери назорат нигоҳ доштани афкори худ хотиррасон менамояд. Вақте ки ба сар фикрҳои номатлуб пай дар пай меоянд, дар бораи ба ягон иқдом қобилият надоштанро арз карда, худро мағлубшудаи доимӣ вонамуд кардан бефоида аст. Дар ҳақиқат бошад мо хеле зуд ба ин хотима дода метавонем. Ин ҷо сирр дар тафаккури мусбат аст. Моҳияти он дар принсипи зерин мебошад, ки дар замони мо хеле машҳур аст: «қувваи дилбастагии нав ҳамаи дилбастагиҳои боқимондаро меронад». Дар ягон сар дар ҳамон як вақт фикрҳои бад ва фикрҳо оид ба Худованд Исо ҷой дошта наметавонанд. Агар ба одам фикри бад ояд, ӯ худи ҳамон замон оид ба Шахсият ва меҳнати Масеҳ фикр карда, аз он раҳоӣ ёфта метавонад. Рӯҳшиносон ва духтурони касалиҳои рӯҳии замони мо дар ин бобат бо расул Павлус пурра розианд. Онҳо ҳамеша хатари тафаккури манфиро таъкид мекунанд.

Барои он ки дар ояти 8 Худованд Исо ёфта шавад, он қадар ҳам бо диққат назар андохтан лозим нест. Ҳар он чи *рост аст, ва шоиста аст, ва боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва некном аст, ва ҳар он чи некӯ ва шоёни ситоиш аст,* дар Ӯ ниҳон аст. Акнун биёед ҳамаи ин некӯкориҳоро бо навбат дида мебароем. *Рост аст* – яъне самимист, бе фиреб ва дурӯғ, аслӣ ва воқеӣ. *Шоиста аст* – олиҳимматона ё аз нуқтаи назари ахлоқӣ ҷолиб аст. *Боинсоф аст* – ҳам нисбат ба Худо ва ҳам нисбат ба одамон росткор буданро ифода мекунад. *Пок аст* – дар бораи асосҳои олии ахлоқии одам мегӯяд. *Хушоянд аст* – ба зарурияти танҳо оид ба он фикр кардан ё тамошо кардани он чизе ишорат менамояд, ки мафтун шуданро сазовор аст, ё гуворост. *«Некном аст»*-ро чун «соҳиби шуҳрати нек, номи хеле хуб» низ тарҷума кардан мумкин аст. *Некӯ,* бешубҳа, дар бораи сифатҳои олии ахлоқист. Шоёни ситоиш бошад чизест, ки таърифу таҳсини бузургро сазовор аст.

Дар ояти 7 Павлус муқаддасонро бовар кунонд, ки Худо афкор ва дилҳои онҳоро дар Исои Масеҳ нигоҳ медорад. Вале ӯ ба онҳо хотиррасон карданро сарфи назар намекунад, ки дар ин масъала ба онҳо низ уҳдадориҳои муайян вогузор шудаанд. Худо фикрҳои одамеро, ки пок будани фикрҳояшро намехоҳад, муҳофизат наменамояд.

**4,9** Расул Павлус аз нав оид ба худ чун намунаи шоёни ҳама гуна пайравӣ сухан меронад. Ӯ аз муқаддасон хоҳиш мекунад, ки он чиро ки аз ӯ *омӯхтаанд* ва он чиро ки дар зиндагии ӯ *дидаанд, ба ҷо оваранд.*

Он факт муҳим аст, ки ин даъват дарҳол пас аз насиҳати ояти 8 меояд. Амалҳои дуруст

натиҷаи афкори дуруст мебошанд. Агар афкор пок бошад, пас зиндагӣ низ пок хоҳад буд. Ва баръакс, агар афкори инсон фосиқона бошад, пас ҷӯйбори аз ин ҷӯйча саршаванда низ ба таври нафратангез ифлос хоҳад буд. Бо қатъият гуфтан мумкин аст, ки одам чӣ андоза зиёд дар фикри бад монад, ҳамон қадар имкон дорад, ки ӯ онро амалӣ мегардонад.

Ба онҳое ки ба намунаи ибрати ӯ садоқатмандона пайравӣ мекунанд, Павлус ваъда медиҳад, ки *Худои осоиш* бо онҳо *мешавад*. Дар ояти 7 осоиши Худо насиби онҳоест, ки дар дуогӯӣ мебошанд; дар ин ҷо бошад *Худои осоиш* Ҳамроҳи онҳоест, ки муқаддасанд. Дар назар дошта мешавад, ки дар зиндагонии ҳаррӯза Худо ба тарзи махсус ба ҳамаи онҳое ки зиндагиашон таҷассуми ҳақиқат гардидааст, наздик ва азиз хоҳад буд.

## IX. ПАВЛУС БА МУҚАДДАСОН БАРОИ ЁРИИ МОДДӢ МИННАТДОРӢ БАЁН МЕКУНАД (4,10-20)

**4,10** Дар оятҳои 10-19 Павлус оид ба муносибатҳое сухан меронад, ки дар байни ҷамоати Филиппӣ ва худи ӯ алоқамандона ба ёрии моддӣ барқарор гардидаанд. Муқаддасоне ки даъват шуда буданд, то аз замонҳои мушкилоти пулӣ ва талафоти молиявӣ гузаранд, аз ин суханҳо ёрӣ ва дастгирии бебаҳо мегирифтанд!

Павлус шодӣ мекунад, ки филиппиён баъд аз гузаштани як муддате ба ӯ дар меҳнат бахри Худованд *аз нав* ёрии моддӣ расониданд. Ӯ онҳоро барои он замоне ки аз онҳо ҳеҷ гуна ёрӣ намегирифт, маломат намекунад. Ӯ боварӣ дорад, ки онҳо мехостанд ба ӯ ҳадияҳо фиристанд, вале онҳо *фурсат надоштанд*. Моффатт инро чунин тарҷума кард: «На ин ки муҳаббати шумо нисбати ман кам буд, балки шумо имконияти изҳор кардани онро надоштед».

**4,11** Аз он ки Павлус ба масъалаи молиявӣ бо чӣ гуна назокат ва адаб наздик мешавад, ҳайрон нашудан мумкин нест. Ӯ намехоҳад, ки дар филиппиён таассуроте ба амал ояд, гӯё ӯ аз камии маблағ шикоят мекунад. Ҳамааш айнан баръакс аст – онҳо бояд донанд, ки расул ба вазъиятҳои ҳаётии ба ин монанд комилан вобаста нест. Ӯ *қаноат намуданро ёд гирифтааст,* новобаста ба он ки ҳамёни ӯ то чи андоза пур аст. Қаноат дар ҳақиқат аз ганҷҳо боқадртар аст, зеро «агар қаноат сарватро ба вуҷуд наоварад, пас майл ба онро аз дил дур карда, ба ҳамон мақсад мерасад».

«Ин дар ҳақиқат сирри муборак аст, вақте ки масеҳӣ бо сари баланд гаштанро ёд гирифтааст, ҳарчанд меъдаи ӯ холист, хурсандона нигоҳ мекунад, ҳарчанд дар кисааш як тин ҳам нест, аз самими дил хурсандӣ мекунад, ҳарчанд кайҳо боз маошро надидааст, дар Худо хушбахт аст, ҳангоме ки одамон имон надоранд».

**4,12** Павлус медонист, ки дар *камбағалӣ* зистан чист, вақте ки ҳатто чизҳои зарурӣ нестанд, ва медонист, ки дар *фаровонӣ* зистан чист, ҳангоме ки дар як лаҳзаи муайян ӯ зиёдтар аз он чи барои қонеъ кардани талаботҳои зарурӣ талаб карда мешуд, дошт. *Ӯ ба ҳар чиз чиз ва ба ҳама чиз омӯхта шудааст: аз сар гузарондани серӣ ва гуруснагӣ, фаровонӣ ва камӣ*. Расул чӣ гуна ба ҳамаи ин чиз омӯхта шуда метавонист? Ҳамааш хеле одист: ӯ медонист, ки ҳамааш аз Худост. Ӯ медонист, ки дар ҳар ҷое ки ӯ бошад, вазъият ҳар тавре ки бошад, ҳамааш аз рӯи муқаррароти илоҳӣ рӯй медод. Агар ӯ *гуруснагӣ мекашид,* пас ин аз он сабаб рӯй медод, ки Худо гурусна будани Павлусро мехост. Агар расул *сер бошад,* пас ин ба нақшаи Худо дохил буд. Садоқатмандона ва бо тамоми қувва ба Подшоҳи худ хизмат карда, ӯ чунин гуфта метавонист: «Бале, Падар! Зеро ин хости Ту буд».

**4,13** Баъдтар суханоне меоянд, ки барои аксарият муаммо мемонанд: *«ҳамааш аз дастам меояд, бо ёрии Масеҳ, ки маро қувват мебахшад»*. Наход инро айнан фаҳмиданамон лозим бошад? Наход расул дар ҳақиқат чунин меҳисобид, ки барои ӯ ҳеҷ чизи имконнопазир нест? Ҷавоб одист: дар ин ҷо расул Павлус *ҳамаи* он чиро дар назар дошт, ки Худо мехост, то ӯ кунад. Ӯ фаҳмид, ки Худо фармон медиҳад, вале дар айни замон барои иҷро кардани онҳо қувва медиҳад. Ӯ медонист, ки Худованд ба ӯ ҳеҷ гоҳ чизеро, бе он ки файзи зарурияро барои он диҳад, намесупорад. *«Ҳамааш»* дар ин ҷо на он қадар ба қаҳрамониҳои бузурги шуҷоат, балки ба муҳтоҷӣ ва гуруснагии азим дахл дорад.

**4,14** Бо вуҷуди ҳамаи он чи пештар гуфта шуда буд, расул мехоҳад, то филиппиён

донанд, ки ба андӯҳи ӯ шарик шуда, онҳо *хуб карданд*. Дар ин ҷо Павлус яқинан пулеро, ки онҳо ба ӯ ба зиндон фиристода буданд, дар назар дошт.

**4,15** Дар гузашта филиппиён дар файзи хайрот додан бағоят комёб буданд. Дар ибтидои хизмати Павлус, *ҳангоме ки ӯ аз Мақдуния баромад, ҳеҷ як ҷамоат,* ба ғайр аз филиппиён, ӯро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намекард.

Беҳад хуб аст, ки чунин тафсилоти гӯё ночиз дар Каломи гаронбаҳои Худо абадан нигоҳ дошта шудаанд. Онҳо ба мо инро таълим медиҳад: ҳама чизе ки ба ғуломи Худованд дода мешавад, ба Худи Худованд дода мешавад. Барои Ӯ ҳар як тин гаронбаҳост. Ӯ бо диққат ҳама чизеро, ки барои Ӯ карда мешавад, навишта мегирад ва баъд ба андозаи нек, ҷунбондашуда, фишурдашуда ва лабрезшуда пурра подош медиҳад.

**4,16** *Ҳатто* ҳангоме ки расул дар *Тасолуникӣ* буд, онҳо гаштаву баргашта *барои эҳтиёҷи* ӯ пул *мефиристоданд*. Комилан аниқ аст, ки филиппиён дар чунон робитаи зич бо Худованд зиндагонӣ мекарданд, ки Ӯ метавонист онҳоро дар хайротҳояшон ҳидоят намояд. Рӯҳулқудс дар дилҳои онҳо ғамхорӣ нисбат ба расул Павлусро ҷойгир намуд. Онҳо ба ин бо он ҷавоб доданд, ки ба ӯ *як-ду дафъа* пул фиристоданд. Ғамхории онҳо нисбат ба ӯ алалхусус ҳайратангез аст, агар онро ба ҳисоб гирем, ки Павлус дар Тасолуникӣ муддати зиёд набуд.

**4,17** Дар ин оят фидокории комили Павлус равшан намоён аст. Ӯ аз *ҳадияҳои* онҳо дида ба дастовардҳои рӯҳонии онҳо хеле зиёдтар шодӣ мекунад. Хоҳиши дидани *самаре* ки *ба фоидаи* масеҳиён *афзояд,* дар вай нисбат ба хоҳиши гирифтани ёрии пулӣ хеле зиёдтар аст. *Афзоиши* ҳақиқии сармоя танҳо ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки пулҳо ба Худованд дода мешаванд. Ҳама чиз то тини охирин ба китоби ҳисобот дохил карда шудааст ва рӯзе меояд, ки барои ҳамаи ин як ба ҳазор инъом дода мешавад.

Ҳамаи молу мулки мо ба Худованд тааллуқ дорад ва ҳангоме ки мо ба Ӯ чизе медиҳем, пас танҳо дороии Ӯро бармегардонем. Масеҳиёне ки додан ё надодани ушрро фикр мекунанд, моҳияти худи масъаларо намефаҳманд. Ушр фармоне буд, ки ба исроилиҳои дар зери шариат мезиста дода шуда, андозаи камтарини хайротро муайян мекард. Дар давраи файзи мо бошад савол бояд чунин бошад: «Ман чӣ қадар барои худ нигоҳ дошта метавонам?», вале ҳаргиз на: «Чӣ қадар ман ба Худованд диҳам?» Дар дили масеҳӣ хоҳиши ба қадри имкон сарфакорона ва фидокорона зиндагонӣ кардан бояд аланга занад, то ин ки тамоми қисми зиёди даромади худро ба кори Худованд диҳад, то ин ки дар дунё ҳеҷ кас аз боиси он ки имконияти шунидани Хушхабари Масеҳро надошт, ҳалок нашавад.

**4,18** *Ҳамаашро гирифтам* гуфта, Павлус онро дар назар дорад, ки *ҳама* чизеро ки ба ӯ лозим аст, *гирифт,* ва *ба қадри барзиёд дорад*. Дар асри бо рӯҳи тиҷорат машҳури мо шунидан аҷиб аст, ки расул на танҳо пул намепурсад, балки ҳатто эътироф менамояд, ки барои ӯ ҳама чиз ба қадри кофист. Маъракаҳои кашида гирифтани пул дар рӯзҳои мо қабоҳат дар чашмони Худо ва расвоӣ барои номи Масеҳ мебошанд. Ба онҳо ҳеҷ гуна эҳтиёҷ нест. Ҳадсон Тейлор боре гуфтааст: «Меҳнати илоҳӣ, ки бо хости Худо ба ҷо оварда мешавад, ҳеҷ гоҳ дар воситаҳои Худо норасоиро ҳис намекунад». Бадбахтӣ дар он аст, ки мо фарқ кардани меҳнат барои Худо ва меҳнати Худоро фаромӯш кардем. Дар хизмати масеҳие ки на бо хости Худо, балки бо хости одамон ба амал меояд, фаъолона иштирок кардан имкон дорад. Дар он ҷое ки имкониятҳои молиявӣ фаровонанд, хатари оғози иқдоми аз боло маъқул донистанашуда низ бузург аст. Ҳадсон Тейлор боз навишта буд: «Мо бояд на аз норасоии пул, балки аз фаровонии пулҳои ба Худо супоридანашуда тарсем».

Ҳадияи муҳаббате ки *Эпафрудитус* аз филиппиён ба Павлус овард, дар ин ҷо *бӯи хуш, қурбонии мақбули писандидаи Худо* номида шудааст. Худи ҳамин суханҳоро расул бори дуюм танҳо як дафъа истифода бурдааст – нисбати Худи Масеҳ (Эфс. 5,2). Дар пеши назари Худо чӣ гуна аҳамият доштани ҳадияи қурбонии филиппиёнро тасвир намуда, расул онро хеле болобардор мекунад. Ӯ ба назди Худо чун *бӯи хуш бардошта шуд*. Қурбонии *онҳо ҳам* хуш буд *ва ҳам* писандидаи *Худо буд*.

Ҷоветт хитоб мекунад:

*Доираи чунин кори неки гӯё ночиз то чӣ андоза васеъ аст! Мо боварӣ доштем, ки гадоро тасалло медиҳем, вале дар асл бо Подшоҳ*

*суҳбат мекардем. Мо фикр мекардем, ки бӯй танҳо дар кӯчаи мо паҳн мешавад, вале бубин! Накҳат дар тамоми дунё паҳн мешавад. Мо гумон мекардем, ки ҳадияи мо танҳо барои Павлус буд, дар ҳақиқат бошад онро назди пои Наҷотдиҳанда ва Худованд гузоштем.*[22]

**4,19** Сипас ояте меояд, ки дар ин боб, эҳтимол, аз ҳама машҳур ва дӯстдошта аст. Диққат диҳед: пеш аз ин ваъда тасвири хизмати садоқатмандонаи филиппиён омадааст. Ба ибораи дигар, азбаски онҳо як қисми захираҳои молиявии худро ба Худо доданд, илова бар ин бо чунон саховатмандие ки мавҷудияти худро дар зери хатар мононданд, пас *Худо* низ *ҳар эҳтиёҷи* онҳоро *пур мекунад*. Ба масеҳиёне ки тамоми пулҳои худро танҳо барои худ сарф карда, аҳёнан мавҷудияти кори Худоро ба ёд меоваранд, васвасаи аз матн канда гирифта, ба сифати бистари пар пешниҳод намудани ин оят то чӣ андоза бузург аст! «Ҳама кор баҷост. Худо ҳар эҳтиёҷи шуморо пур мекунад».

Умуман, ҳарчанд *Худо* дар ҳақиқат *эҳтиёҷоти* халқи худро *пур мекунад,* ин ваъда аниқ ба онҳое дода шудааст, ки садоқатмандона ва вафодорона ба кори Худо пул медиҳанд. Худо ваъда медиҳад, ки онҳо ҳаргиз аз норасоии ягон чиз азоб нахоҳанд кашид.

На як бор зикр карда шуда буд, ки Худо эҳтиёҷоти халқи Худро пур мекунад, вале на *аз* сарватҳои Худ, балки *аз рӯи сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ*. Агар миллионер ба кӯдак тине медод, ӯ *аз* сарвати худ медод. Вале агар ӯ садҳо ҳазор доллар ба ягон кори сазовор диҳад, ӯ *мувофиқи* сарвати худ медод. Худо мувофиқи *сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ* медиҳад, ва дар ҷаҳон сарвати зиёдтаре нест.

Вилямс ояти 19-ро чеки пуле меномад, ки бонки имон додааст:

*Худои ман – номи соҳиби Бонк.*
*Пур хоҳад кард – ваъдаи пардохтани маблағ.*
*ҳар эҳтиёҷи шуморо – маблағе ки ба он чеки пул дода мешавад.*
*Аз рӯи сарвати Худ – сармояи бонк.*
*Дар ҷалол – адреси бонк.*
*Дар Исои Масеҳ – имзо дар поён, ки бе он чек ба коғази одӣ табдил меёбад.*[23]

**4,20** Ҳангоми андеша оид ба беинтиҳоии файзи Худо расул ҳамду сано нагуфта наметавонад. Ин забони мувофиқтарин аст барои ҳар яке аз фарзандони Худо, ки ҳар рӯз ғамхории меҳрубононаи Худоро мебинанд, ва на танҳо дар некӯаҳволии моддӣ, балки дар он ҷое ки онҳо ба роҳнамоӣ, ба ёрӣ бар зидди васваса муҳтоҷанд, то ки дар дили бо хокистар пӯшидашуда аз нав оташ даргиронанд.

## X. ДУРУДҲОИ ХОТИМАВӢ (4,21-23)

**4,21** Расул Павлус ба худ масеҳиёни барои хондани ин Нома ҷамъомадаро хаёлан тасаввур менамояд ва ӯ *ба ҳар як муқаддас дар Исои Масеҳ салом мегӯяд* ва аз *бародароне ки бо ӯ мебошанд,* салом мерасонад.

**4,22** Ин оятро барои ишора ба *хонаи қайсар* дӯст медорем. Дар ин ҷо кас мехоҳад ба хаёлот ихтиёр диҳад. Расул киро аз атрофиёни Нерон дар назар дошт? Шояд, ин касе аз сарбозон аст, ки нигаҳбонии Павлус ба онҳо супурда шуда буд ва расул ба онҳо роҳи наҷотро нишон дод? Ё инҳо ғуломон ё озодоне мебошанд, ки дар қаср меҳнат мекарданд? Ё шояд, расул дар бораи баъзе шахсони олирутбаи вазифадори империя сухан меронд? Инро бо тамоми аниқӣ гуфтан мумкин нест, вале дар ин ҷо пеши назари мо тасвири боҳашамати он ҳақиқат аст, ки масеҳиён ба монанди калтакалос қобилияти ба қасрҳои подшоҳӣ ворид шудан доранд (Мас. 30,28)! Барои Хушхабар ҳеҷ гуна сарҳад нест. Он аз девори дастнорастарин ҳам мегузарад. Он метавонад дар байни онҳое неш занад, ки мекӯшанд ӯро решакан кунанд. Дар ҳақиқат дарвозаҳои дӯзах ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ куҷо Ҷамоати Исои Масеҳро мағлуб намекунанд!

**4,23** Номаи худро расул бо саломи ба номаҳои ӯ хос ба охир мерасонад. *Файз* дар саҳифаи аввали Нома чашмбарона дурахшид ва ҳоло дар сатрҳои охирини он аз нав медурахшад. Аз саршории дил забон гап мезанад. Дили Павлус лаболаб саршори мавзуи бузургтарини ҳама асрҳо буд *файзи* Худо ба василаи *Масеҳ* – ва ҳайратовар нест, ки ин ҳақиқати гаронбаҳо бо тамоми ҷӯйборҳои ҳаёти ӯ ҷорӣ буд.

Ба сифати хотима суханони Паул Рисро меорем:

*Бузургтарини ҳамаи одамоне ки дар замин зистаанд, навиштани номаи самимитарини худро ба анҷом расонд. Меҳнати муҳаббат*

*ба охир расонида шуд. Рӯз ба охир расид. Завлона то ба ҳол банди дасти расулро печонида гирифтааст. Сарбоз то ба ҳол дар дидбонист. Вале ин чӣ аҳамият дорад? Рӯҳи Павлус озод аст! Ақли ӯ равшан аст! Дили ӯ равшан месӯзад!*

*Субҳи дигар бошад Эпафрудитус сӯи Филиппӣ қадам хоҳад зад.*[24]

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) H. A. A. Kennedy, *Philippians, The Expositor's Greek Testament,* ч. 3, саҳ. 407.
2. (1,1) J. H. Jowett, *The High Calling,* саҳ. 2.
3. (1,7) W. E. Vine, *The Epistles to the Philippians and Colossians,* саҳ. 23.
4. (1,10) Калимае ки «муқаддасон» («эиликринес») тарҷума шудааст, «бе омехтаҳо» ё, шояд, «бо офтоб озмудашуда»-ро ифода мекунад. Ҳайкалтароши бовиҷдон дар муҷассамаи мармари сафед айб ёфта, порча-порча канда гирифта, барои бартараф кардани он кӯшиш хоҳад кард. Устои «нопок» бошад онро бо муми сафед пинҳон карданӣ мешавад. Вале мум дар зери нурҳои сӯзони офтоб сирри чунин ҳайкалтарошро фош мекунад.
5. (1,11) Lehman Strauss, *Devotional Studies in Philippians,* саҳ. 63.
6. (1,13) T. W. Drury, *The Prison Ministry of St. Paul,* саҳ. 22.
7. (1,20) Guy King, *Joy Way,* саҳ. 33.
8. (1,21) Jowett, *Calling,* саҳ. 34.
9. (2,1) F. B. Meyer, *Devotional Commentary on Philippians,* саҳ. 77-79.
10. (2,5) King, *Joy Way,* саҳ. 51.
11. (2,6) E. H. Gifford, *The Incarnation,* саҳ. 44,45.
12. (2,11) Charles R. Erdman, маълумоти пурратаре нест.
13. (2,17) George Williams, *The Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 931.
14. (3,7) King, *Joy Way,* саҳ. 81.
15. (3,10) Jowett, *Calling,* саҳ. 217.
16. (3,10) дар ҳамон ҷо, саҳ. 81,82.
17. (3,10) Hudson Taylor, иқтибос оварда шудааст аз Mrs. Howard Taylor, дар: *Behind the Ranges,* саҳ. 170.
18. (3,10) C. A. Coates, *The Paths of Life and Other Addresses,* саҳ. 127.
19. (3,17) Strauss, *Philippians,* саҳ. 202.
20. (4,3) «Рафиқи ҳамкор» (юн. «зунсугос») исми хос ҳам буда метавонад. Ҳарчанд он то ҳол дар ҳеҷ сарчашмаи дигар вонахӯрдааст, имкон дорад, ки чунин ном дар истифода буд, хусусан дар байни ғуломон.
21. (4,4) Jowett, *Day by Day,* саҳ. 169-171.
22. (4,18) дар ҳамон ҷо, саҳ. 225.
23. (4,19) Williams, *Student's Commentary,* саҳ. 934.
24. (4,23) Paul Rees, *The Adequate Man,* саҳ. 127.

# Рӯйхати адабиёт


Erdman, C. R.
*Epistle of Paul to the Philippians.*
Philadelphia: Westminster Press, 1928.

Gifford, E. H.
*The Incarnation: A Study of Philippians.*
London: Hodder & Stoughton, 1897.

Jowett, J. H.
*The High Calling.*
London: Andrew Melrose, 1909.

Kelly, William.
*Lectures on Philippians and Colossians.*
London: G. Morrish, сол номаълум.

Kennedy, H. A. A.
*Philippians* дар: *The Expositor's Greek Testament,* ч. 3.
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans, 1961.

King, Guy H.
*Joy Way.*
London: Marshall, Morgan and Scott, 1954.

Meyer, F. B.
*Devotional Commentary on Philippians.*
Grand Rapids: Kregel, 1979.

Rees, Paul.
*The Adequate Man.*
Westwood, NJ: Fleming H. Revell, 1959.

Strauss, Lehman.
*Devotional Studies in Philippians.*
Neptune, NJ: Loiseaux Bros., 1959.

Vine, W. E.
*The Epistles to the Philippians and Colossians.*
London: Oliphants, 1955.

# НОМА БА КУЛАССИЁН

*Ғарқи мутолиаи он [Нома ба Кулассиён] шавед, дар бораи ғояи аз Худо илҳом гирифтаи он, ки бо забони илҳомбахш баён ёфтааст, гаштаву баргашта мулоҳиза намоед; бигзор нур ва қувваи ин фикр дили шуморо фаро гирад ва ба зиндагии шумо таҷассум ёбад – ин шуморо ҳам дар зиндагонии заминӣ ва ҳам дар ҷовидонӣ ғанӣ мегардонад.*

Р. К. Ленскӣ

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Аксари номаҳои расул Павлус ба ҷамоатҳои масеҳии шаҳрҳои бузург ё бонуфуз, ба монанди Рум, Қуринт, Эфесус, Филиппӣ ирсол гардидаанд. Кулассо бошад шаҳре буд, ки рӯзҳои беҳтарини он дар гузашта монда буданд. Ҷамоати масеҳии он низ дар таърихи ҷамоати ибтидоии масеҳӣ нақши он қадар муҳим намебозид. Хулоса, агар номаи аз Худо илҳомёфтаи ба масеҳиёни ин шаҳр ирсолшуда намебуд, Кулассо имрӯз танҳо ба муҳаққиқони таърихи қадим маълум мебуд.

Ҳарчанд шаҳр аҳамияти махсус ҳам надошт, Номае, ки расул ба он ҷо равона кард, хеле муҳим аст. Дар баробари боби якуми Инҷили Юҳанно ва боби якуми Нома ба Ибриён, дар боби якуми Нома ба Кулассиён таълимот оид ба табиати комилан илоҳии Масеҳ, Худованди мо, бисёр хуб баён ёфтааст. Азбаски ин таълимот дар бунёди тамоми ҳақиқатҳои масеҳӣ ҷойгир аст, ин нома аҳамияти зиёд дорад.

Дар нома ҳамчунин пандҳое мавҷуданд, ки ба муносибатҳои дутарафаи одамон, ба таълимоти бардурӯғ ва ба ҳаёт дар Масеҳ дахл доранд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Шаҳодат ба фоидаи муаллифии ӯ он қадар бенуқсон аст, ки то асри нуздаҳ ҳеҷ кас муаллифи Нома ба Кулассиён будани Павлусро зери шубҳа нагузоштааст. Махсусан шаҳодатҳои берунӣ эътимодноканд. Игнатий ва Юстини Риёзаткаш, Теофили Антокиягӣ ва Ириней, Клименти Искандариягӣ, Тертуллиан ва Ориген аз нома иқтибос оварда, аксаран Павлусро муаллифи нома меноманд. Ҳам қонуни Маркион, ҳам қонуни Мураторӣ аслӣ будани Нома ба кулассиёнро эътироф менамоянд.

Ба *далелҳои дохилӣ* он далели одӣ тааллуқ дорад, ки худи муаллиф се маротиба *мегӯяд,* ки ӯ Павлус мебошад (1,1.23; 4,18) ва мундариҷаи нома ба ин изҳорот мувофиқат мекунад. Баъди баёни таълимот оварда шудани пандҳои амалӣ ба масеҳиён барои расул хос аст. Шояд далели эътимодбахштарини аслӣ будан – робитаи намоён бо Нома ба Филемун аст, ки аз тарафи Павлус навишта шудани он якдилона эътироф шудааст. Панҷ касе ки дар он номаи кӯтоҳ зикр гардидаанд, дар Нома ба Кулассиён низ номбар мешаванд. Ҳатто ба чунин мунаққид, чун Ренан, муқоиса бо Нома ба Филемун таассурот ба амал овард, вале ӯ бо вуҷуди ин дар бораи Нома ба кулассиён шубҳаҳо дошт.

Далелҳо зидди муаллифии Павлус дар маълумотҳои луғавӣ, хусусиятҳои таълимот оид ба Масеҳ ва нишонаҳои аниқи мубоҳиса бо гностисизм асос ёфтаанд. Агар гап дар бораи пункти аввал равад, дар Нома ба кулассиён баъзе калимаҳои дӯстдоштаи Павлус бо калимаҳои нав иваз карда мешаванд. Салмон, илоҳиётшиноси муҳофизакори британии асри XIX зидди ин далел эътироз мекард: «Ман бо чунин изҳорот розӣ шуда наметавонам, ки одами асари нав менавишта аз боиси таҳдиди гум кардани фардият ҳақ надошта бошад, ки ягон як калимаеро, ки ӯ дар асарҳои пешинааш истифода накардааст, ба кор барад».[1] Агар сухан дар бораи таълимот оид ба Масеҳ дар Нома ба

Кулассиён равад, он бо таълимоте ки дар Нома ба Филиппиён ва дар Инҷили Юҳанно баён гардидааст, мувофиқат мекунад. Ин таълимот фақат барои онҳое баъзе мушкилиҳо хоҳад дошт, ки моиланд чунин ҳисобанд, ки таълимот оид ба илоҳияти Масеҳ танҳо дар асри II зери таъсири бутпарастӣ ба вуҷуд омадааст.

Агар гап дар бораи гностисизм равад, олими шотландии либералӣ Моффатт чунин меҳисобад, ки марҳалаи ибтидоии гностисизми дар Нома ба кулассиён сабтшуда комилан дар асри I вуҷуд дошта метавонист.[2]

Ҳамин тариқ, изҳорот дар бораи он ки муаллифи Нома ба Кулассиён расул Павлус буд, таҳкурсии устувор дорад.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Шояд Павлус Нома ба Кулассиёнро чун яке аз номаҳои зиндонӣ ҳангоми ҳабси дусола дар Қайсария навишта буд (Аъм. 23,23; 24,27). Вале, азбаски Павлусро дар он ҷо муждабар Филиппус қабул карда буд, хеле шубҳаовар менамояд, ки Павлус, ки масеҳии хеле боназокат ва пурилтифот буд, номи ӯро зикр намекарда бошад. Инчунин тахмине баён карда мешуд, ки нома ҳангоми ҳабс дар Эфесус навишта шуда буд, ҳарчанд ин эҳтимолияти камтар дорад. Вақти имконпазиртарини навишта шудани ин мактуб ва Нома ба Филемун миёнаи маҳбусии Павлус дар Рум, тахминан солҳои 60-уми милодӣ (Аъм. 28,30.31) аст.

Хушбахтона, чунон ки одатан мешавад, фаҳмиши ин китоб ба донистани тамоми шароитҳои навишта шудани вай вобаста нест.

## IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Кулассо як шаҳри музофоти Фриҷия, як қисми минтақае буд, ки алҳол чун Осиёи Хурд маълум аст. Он дар 16 км шарқтар аз Лоудикия ва дар 21 км ҷанубу шарқтар аз Ҳирапулис ҷойгир буд (ниг. 4,13). Он ҳамчунин 160 км шарқтар аз Эфесус, дар даромадгоҳи дарае ки аз байни силсилакӯҳи Кадмий мегузарад (водии танге ки 19 км дарозӣ дорад), дар роҳи ҳарбии аз Фурот ба ғарб мебурда ҷойгир буд. Кулассо дар соҳили дарёи Ликус (Гург) воқеъ буд, ки ба ғарб ҷорист ва дар наздикии Лоудикия ба дарёи Меандр мерезад. Дар он ҷо оби чашмаҳои гарми Ҳирапулис бо оби хунуки Кулассо омехта шуда, обу ҳавои «ширгарм»-и Лоудикияро ба вуҷуд меоваранд. Ҳирапулис ҳам маркази табобатӣ ва ҳам маркази динӣ буд, Лоудикия бошад шаҳри асосии водӣ буд. Пеш аз замони Аҳди Нав Кулассо шаҳри калонтаре буд. Номи он, эҳтимол, бо калимаи «колоссус» («ҳайкали бузург, одами азимҷусса») алоқаманд аст, ки ба ташкилаҳои сохти фантастикӣ доштаи оҳаксанги назди он тааллуқ дорад.

Мо аниқ намедонем, ки Хушхабар чӣ гуна ба Кулассо расид. Дар он замоне ки Павлус ин номаро менавишт, ӯ ҳанӯз бо масеҳиёни маҳаллӣ вонахӯрда буд (2,1). Одатан чунин ҳисобида мешавад, ки Хушхабари наҷотро ба ин шаҳр Эпафрос овард (1,7). Аксарият тахмин мекунанд, ки ӯ ба воситаи расул Павлус дар замони истиқомати сесолаи вай дар Эфесус ба масеҳият рӯ оварда буд. Фриҷия як қисми Осиёи проконсулӣ буд ва Павлус ба он ҷо гоҳ-гоҳ мерафт (Аъм. 16,6; 18,23), вале дар Кулассо набуд (2,1).

Мо аз нома медонем, ки ба ҷамоати Кулассо таълимоти бардурӯғе таҳдид мекард, ки дар шакли комили худ чун гностисизм машҳур гашт. Гностикҳо бо дониши (юн. «гнозис»-и) худ такаббур менамуданд. Онҳо арз мекарданд, ки дониши онҳо аз дониши расулон баландтар аст ва мекӯшиданд чунин таассурот ба амал оваранд, ки агар одам ба сирри амиқтарини фирқаи онҳо ошно нагашта бошад, дар ҳақиқат хушбахт буда наметавонад.

Баъзе пайравони гностисизм моҳияти одамии Масеҳро инкор менамуданд. Онҳо тасдиқ менамуданд, ки «Масеҳ» таъсири илоҳист, ки аз Худо ба Одам Исо ҳангоми ғӯтаи Ӯ фуруд омад. Ҳамчунин, ба ақидаи онҳо, Масеҳ Исоро пеш аз маслубшавӣ тарк кард. Дар натиҷа, мувофиқи таълимоти онҳо, Исо мурд, вале Масеҳ бошад не.

Баъзе навъҳои гностисизм таълимотро оид ба дар байни Худо ва материя мавҷуд будани дараҷаҳои гуногун, ё мартабаҳои гуногуни мавҷудоти рӯҳӣ дар бар мегирифтанд. Онҳо ба ин хулоса дар кӯшиши шарҳ додани пайдоиши бадӣ омаданд. А. Т. Робертсон шарҳ медиҳад:

*Гностикҳо пеш аз ҳама оид ба пайдоиши дунё ва мавҷудияти бадӣ андешаронӣ*

*мекарданд. Онҳо нек будани Худоро чун ҳақиқати баҳснопазир қабул мекарданд, вале ҳамчунин онро ҳам мефаҳмиданд, ки бо вуҷуди ин бадӣ ҳаст. Аз рӯи назарияи онҳо, бадӣ хусусияти ҷудоинопазири модда (материя) аст. Аммо Худованди нек моддаи бадӣ меовардаро ба вуҷуд оварда наметавонист. Бинобар ин онҳо назарияро дар бораи мавҷудияти як қатор судурҳо, эонҳо, рӯҳҳо, фариштаҳо дар байни Худо ва модда пешниҳод намуданд. Идея аз он иборат буд, ки як эон аз Худо мебаромад, эони дигар аз ин эон ва ғайра, то навбати судуре мерасид, ки аз Худо ба қадри кофӣ дур буд, то Ӯро бо эҷод намудани моддаи бад «беобрӯ накунад», вале дар айни ҳол ба қадри кофӣ ба Ӯ наздик, то барои офаридан қувват дошта бошад.*[3]

Баъзе гностикҳо баданро табиатан пургунаҳ ҳисобида, гӯшанишинона зиндагӣ мекарданд (даст кашидан аз манфиатҳои шахсӣ, инкоркунии худ ва ҳатто худазобдиҳӣ барои ба даст овардани ҳолати рӯҳонии баландтар). Дигарон ба ҳамаи хоҳишҳои шаҳвонии худашон тағофул карда ва ба ҳаёти рӯҳонии одам ҳеҷ таъсир накардани баданро изҳор намуда, ба ифроти дигар даст мезаданд!

Зоҳиран, дар Кулассо нишонаҳои ду иштибоҳи дигар ошкор мегашт: антиномизм ва яҳудият. Антиномизм таълимот оид ба он аст, ки шахсе ки файзи Худоро қабул кардааст, набояд худро назорат кунад, балки метавонад комилан ба хоҳишҳои шаҳвонӣ ва шавқу рағбати худ дода шавад. Яҳудияти Аҳди Қадим ба системаи расму русуме табдил ёфт, ки бо ёрии онҳо одам дар назди Худо сафед шуданро умед дошт.

Иштибоҳҳое ки дар Кулассо ҷой доштанд, дар рӯзҳои мо ҳам зиндаанд. Гностисизм аз нав дар ҳаракатҳои «Илми масеҳӣ», теософия, мормонизм, дар фирқаи «Шоҳидони Яҳува», «Ягонагӣ» ва дигарон зоҳир гашт. Антиномизм барои ҳамаи онҳое хос аст, ки мувофиқи суханони онҳо, азбаски мо файзи Худоро дорем, метавонем чӣ тавре ки ба мо маъқул аст, ҳамон тавр зиндагӣ кунем. Яҳудият, чунон ки Нома ба Ибриён ва дигар қисмҳои Аҳди Нав нишон медиҳанд, аз ибтидо ваҳйи аз тарафи Худо атошуда буд, ки маросим ва расму русуми он бояд рамзан ҳақиқатҳои рӯҳониро инъикос менамуданд. Вале дар оянда вай ба системаи динӣ табдил ёфт, ки шакл дар он худ аз худ сазовори мукофот ҳисобида мешуд ва бинобар ин маънои рӯҳонии он аксар ба эътибор гирифта намешуд. Дар замони ҳозира ба он ҳаракатҳои динии бешуморе мувофиқат мекунанд, ки мувофиқи таълимоташон, одам бо амалҳои худ ҳусни таваҷҷуҳи Худо ва мукофот аз Ӯро сазовор шуда метавонад, ва дар айни ҳол онҳо табиати пургуноҳи одам ва онро ба эътибор намегиранд ё рад мекунанд, ки ӯ ба наҷоте муҳтоҷ аст, ки танҳо Худо метавонад ба ӯ ато намояд.

Павлус дар Нома ба Кулассиён ҷалоли илоҳӣ ва амалҳои Худованд Исои Масеҳи моро нишон дода, ба ҳамаи ин иштибоҳҳо устодона муқобилат менамояд.

Ин нома бо Номаи Павлус ба Эфесусиён ба таври ҳайратангез монанд аст. Вале монандӣ такрорро ифода намекунад. Дар Нома ба Эфесусиён муаллиф имондоронро дар Масеҳ дар осмон нишаста мебинад. Дар Нома ба кулассиён масеҳиён дар замин мебошанд, аммо Масеҳ, Сарвари бузурги онҳо дар осмон аст. Дар *Нома ба Эфесусиён* таъкид ба он карда мешавад, ки *масеҳӣ дар Масеҳ* мебошад. *Нома ба Кулассиён* оид ба *Масеҳ дар масеҳӣ,* оид ба умеди саодат мегӯяд. Дар маркази Нома ба Эфесусиён Ҷамоат чун «Бадан»-и Масеҳ, «пуррагии Ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад» (Эфс. 1,23). Яъне ягонагии Бадани Масеҳ таъкид карда мешавад. Дар Кулассиён, дар боби 1, сарварии Масеҳ ва зарурати бо Сарвар «пайваст» будан (2,18.19) ва ба Ӯ мутеъ будани мо баён карда мешавад. Аз 155 ояти Нома ба Эфесусиён панҷоҳу чортояш бо оятҳои Нома ба кулассиён монананд.

# Нақша

I. ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҒОЯТИ КАМОЛОТИ МАСЕҲ (Б. 1 ва 2)
   - А. Дуруд (1,1.2)
   - Б. Павлус ба Худованд миннатдорӣ изҳор менамояд ва дар ҳаққи масеҳиён дуо мегӯяд (1,3-14)
   - В. Ҷалоли Масеҳ чун Сарвари Ҷамоат (1,15-23)
   - Г. Супориши махсуси ба Павлус вогузоршуда (1,24-29)
   - Ғ. Пуррагии Масеҳ дар муқобили хатарҳои фалсафа, риёкорӣ,тасаввуф ва гӯшанишинӣ (2,1-23)

II. ҚАРЗИ МАСЕҲӢ ДАР НАЗДИ МАСЕҲ, КИ ДАР ҒОЯТИ КАМОЛОТ АСТ (Б. 3 ва 4)
   - А. Зиндагии нави масеҳӣ: аз худ дур кардани одами кӯҳна ва дар бар кардани одами нав (3,1-17)
   - Б. Рафтори сазовор дар хонаводаи масеҳӣ (3,18–4,1)
   - В. Зиндагии шахси масеҳӣ дар дуо ва шаҳодат бо сухан ва зиндагӣ (4,2-6)
   - Г. Маълумоти мухтасар оид ба баъзе ҳамсафони Павлус (4,7-14)
   - Ғ. Саломҳо ва маслиҳатҳои ба нома дахлдор (4,15-18)

# Тафсир

## I. ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҒОЯТИ КАМОЛОТИ МАСЕҲ (Б. 1 ва 2)

### А. Дуруд (1,1-2)

**1,1** Дар замони навишта шудани Аҳди Нав мактубро бо номи нависанда сар кардан маъмул буд. Ҳамин тариқ, *Павлус* худро *бо хости Худо расули Исои Масеҳ* меномад. *Расул* шахсест, ки Худованд Исо вайро барои оид ба Ӯ хабар додан фиристодааст. Барои тасдиқи Хушхабаре ки расулон меоварданд, ба онҳо қобилияти ба амал овардани муъҷизаҳо ато шуда буд (2Қур.12, 12). Ғайр аз ин, мо мехонем, ки дар баъзе мавридҳо ба воситаи дастгузории расулон ба масеҳиён Рӯҳулқудс ато шуда буд (Аъм. 8,15-20; 19,6). Дар ҷаҳони ҳозира ба маънои қатъии ин калима расулон нестанд ва одамоне ки эълон менамоянд, гӯё онҳо ҷонишинони дувоздаҳ нафари аввалин мебошанд, дурӯғ мегӯянд. Аксарият, Эфесусиён 2:20-ро ба асос гирифта, чунин меҳисобанд, ки вазифаи махсуси одамоне ки қобилияти равшан ифодаёфтаи расулӣ ва пайғамбарӣ доштанд, асосан таъсиси ҷамоат буд, бар хилофи вазифаи мавъизагарон, шубонон ва муаллимон (Эфс. 4,11), ки меҳнати онҳо дар давоми тамоми давраи масеҳият давом мекунад.

Павлус мегӯяд, ки бо *хости Худо* расул шуд (ниг. Инчунин Аъм. 9,15; Ғал. 1,1). Расулии ӯ касбе набуд, ки худаш барои худаш интихоб намудааст, ё ки одамон ӯро барои он тайёр кардаанд. Он мансаб ҳам набуд, ки ӯ ба он аз тарафи одам ба воситаи дастгузорӣ таъйин шуда бошад. Одамон сарчашма ва воситаи додани ин қобилият набуданд. Аниқтараш, хизмати ӯ бо дарки ботантанаи он мегузашт, ки Худи Худованд ӯро расули Худ интихоб намуд.

Дар он замоне ки ин нома навишта шуда буд, *бародар Тимотиюс* бо Павлус буд. Дар ин ҷо зикр кардан шавқовар аст, ки дар муносибати Павлус ба Тимотиюс расмият тамоман набуд. Ҳар дуяшон ба як ҷамъияти бародарона тааллуқ доштанд ва оид ба иерархияи ҷамоатӣ бо унвонҳои ботантана ва либосҳои махсус андешае ҳам ба вуҷуд намеомад.

**1,2** Нома ба *муқаддасон ва бародарони бовафо дар Исои Масеҳ, ки дар Кулассо мебошанд,* ирсол гардидааст. Дар ин ҷо мо ду ташбеҳи хеле зеборо мебинем, ки дар Аҳди Нав нисбати ҳамаи масеҳиён истифода мешаванд. Калимаи *«муқаддасон»* онро ифода мекунад, ки онҳо аз ин дунё ҷудо ва ба Худо наздик карда шудаанд, ва яъне, бояд дар муқаддасӣ зиндагонӣ кунанд. Калимаҳои *«бародарони бовафо»* ба он ишорат мекунанд, ки ҳамаи онҳо ба шарофати имон ба Худованд Исо фарзандони як Падаранд; онҳо аз рӯи имон бародарон ва хоҳаронанд. Дар дигар китобҳои Аҳди Нав масеҳиён ҳамчунин шогирдон ва имондорон номида шудаанд.

Ифодаи *«дар Масеҳ»* ба мавқеи *рӯҳонии* онҳо ишорат менамояд. Ҳангоме ки онҳо наҷот ёфтанд, Худо онҳоро дар Масеҳ ҷойгир намуд, дар Писари дӯстдоштаи Худ қабул намуд. Аз ин лаҳза сар карда онҳо зиндагии Ӯ ва табиати Ӯро қабул карданд. Аз ин лаҳза сар карда Худо дигар ба онҳо чун ба фарзандони Одам, ё чун ба одамони рӯҳан зинданашуда нигоҳ намекунад, балки чунон ки Писари Худро қабул мекунад, онҳоро ҳам ҳамон гуна қабул мекунад. Ифодаи *«дар Масеҳ»* назар ба он чи хиради одамӣ фаҳмида метавонад, наздикӣ, илтифот ва ҳисси дар муҳофизат будани бештареро дар назар дорад. Ба мавқеи *ҷуғрофии* ин масеҳиён калимаҳои *«ки дар Кулассо мебошанд»* ишорат менамоянд. Агар дар ин шаҳр Хушхабар эълон карда намешуд ва ҷонҳо наҷот намеёфтанд, шояд мо ҳеҷ гоҳ дар бораи он намешунидем.

Баъд Павлус ба масеҳиён бо саломи зебо муроҷиат менамояд: *файз ва осоиш аз ҷониби Худо, Падари мо, ва Худованд Исои Масеҳ бар шумо бод*. Дигар чунин ду калима нест, ки назар ба *файз ва осоиш* пурратар он баракатҳоеро, ки масеҳият ба одам медиҳад, дар бар гирад. *Файз* (юн. «ҳайре») ифодаи юнонии пахнгашта буд, дар ҳоле ки хоҳиши *осоиш* – саломи яҳудиёнаи мақбули умум буд; ҳар дуи ин калимаҳо ҳангоми вохӯрӣ ва хайрухуш истифода мешуданд. Павлус онҳоро пайваст намуд ва маънову истифодаашонро бештар баланд бардошт. *Файз* рамзи он мебошад, ки Худо то ба инсонияти ҳалокшуда ва дар гуноҳ фурӯрафта бо муҳаббат ва ғамхории меҳрубонона поён фаромад. *Осоиш* ҳамаи он чиро ифода мекунад, ки дар зиндагии одам ҳангоми атои файзи Худоро қабул карданаш ба амал меояд. Р. Ҷ. Литл мегуфт: «Файз метавонад бисёр чизҳоро ифода кунад, онро ба чеки пурнашуда монанд кардан мумкин аст. Осоиш бошад аниқ як қисми мероси мегирифтаи масеҳӣ мебошад ва мо ба шайтон набояд иҷозат диҳем, ки моро аз он маҳрум созад». Тартиби истифодаи ин калимаҳо муҳим аст: аввал *файз,* баъд *осоиш*. Агар Худованд аввалин шуда ба мо муҳаббат ва марҳамати Худро пешниҳод намекард, мо то ба ҳол дар гуноҳ мебудем. Ба шарофати он ки Худи Ӯ Писари Худро барои мо ба мурдан фиристода, сӯи мо қадам ниҳод, имрӯз мо дар осоиш бо Худо, дар осоиш бо одамон ва бо осоиш Худо дар дил зиста метавонем. Ҳатто ҳамаи инро гуфта, муаллиф аз имконнопазирии маънидоди ин суханони бузург бениҳоят маъюс мегардад.

## Б. Павлус ба Худованд миннатдорӣ изҳор менамояд ва дар ҳаққи масеҳиён дуо мегӯяд (1,3-14)

**1,3** Имондоронро бо суханоне ки барои ҳамаи масеҳиён шиор гардидаанд, дуруд гуфта, расул боз як амали ба ӯ хосро ба амал меорад – зону хам мекунад, то ба Худованд *шукргузорӣ намояд* ва дуо гӯяд. Зоҳиран, расул барои ҳамаи мо намунаи ибрат гардида, ҳамеша дуоро бо ҳамду санои Худованд сар мекард. Дуои ӯ *ба Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ* ирсол гардидааст. Одам дар дуо ҳаловати тасвирнопазир ва хушбахтии робитаи шахсиро бо ҳокими дунё дарк менамояд. Аммо саволе ба вуҷуд омаданаш мумкин аст: «Одами одӣ чӣ гуна метавонад ҷуръат намояд, ки дар назди Худои беандоза бузург ҳозир шавад?» Ҷавоб ба ин дар матни мост. Соҳиби пурҷалол ва бузурги дунё *Падари Худованди мо Исои Масеҳ* аст. Касе ки бениҳоят дур буд, ба ҳамон андоза бениҳоят наздик гардид. Азбаски мо, чун имондорон дар Масеҳ, ҳаёти Ӯро бо ҳам мебинем, Худо ҳамчунин Падари мо низ ҳаст (Юҳ. 20,17). Мо бо ёрии Масеҳ ба Ӯ наздик шуда метавонем. *Дар ҳар вақте ки дар ҳаққи шумо дуо мегӯем*. Ин ифода худ аз худ ҷолиб наменамояд, вале он маънои нав пайдо менамояд, агар ба ёд оварем, ки он дар хусуси муносибати Павлус ба одамоне шаҳодат медиҳад, ки вай ҳеҷ гоҳ ба онҳо вонахӯрда буд. Аксаран, ҳангоме ки мо назди тахти файз ҳозир мешавем, ба ёд овардани ҳамаи хешовандон ва дӯстонамон ба мо душвор менамояд. Тасаввур намоед, ки расул Павлус чӣ қадар одамонро бояд дар ёд медошт! Ӯ на танҳо дар ҳаққи онҳое ки худаш шахсан мешинохт, балки ҳамчунин дар ҳаққи он масеҳиён аз ҷойҳои аз ҳама дурдаст, ки номи онҳоро ба ӯ дигарон гуфтаанд, дуо мегуфт. Дар ҳақиқат, ҳаёти дуогӯёнаи Павлус барои хубтар фаҳмидани ӯ ёрӣ медиҳад.

**1,4** Ӯ дар бораи *имони* кулассиён *ба Исои Масеҳ ва муҳаббати* онҳо *ба ҳамаи муқаддасон* шунида буд. Ӯ *имони* онҳоро *ба Исои Масеҳ* хотиррасон менамояд. Ин он чизест, ки мо бояд ҳамеша аз он сар кунем. Алҳол дар дунё одамони диндор кам нестанд, ки доимо

оид ба муҳаббати худ ба наздиконашон таъкид менамоянд. Вале, бо онҳо суҳбат намуда, шумо ошкор менамоед, ки онҳо *ба* Худованд *Исо имон* надоранд. Чунин муҳаббат холӣ ва бефоида аст. Аз тарафи дигар, онҳое ҳастанд, ки дар хусуси *ба Исои Масеҳ* имон доштани худ арз мекунанд, вале дар ҳаёти онҳо ақаллан ягон далели *муҳаббатро* ёфтан аз эҳтимол дур аст. Ҳамчунин Павлус низ дар самимияти имони онҳо шубҳа карда метавонист. Бояд *имони* ҳақиқӣ ба Наҷотдиҳанда бошад, ки он бо ҳаёти пур аз *муҳаббат* ба Худо ва ба наздикон тасдиқ мегардад.

Павлус оид ба *имон* чун *дар Масеҳи Исо* будан сухан меронад. Ин хулосаи хеле муҳим мебошад. Дар Навишта Худованд Исои Масеҳ ҳамеша чун Объекти имон зоҳир мешавад. Одам ба ягон бонк беандоза бовар карда метавонад, вале боварии вай то он замон маъно дорад, ки бонк эътимоднок бошад. Агар дар бонк роҳбари бад бошад, имон худ аз худ таъмини амнияти пули ягон касро кафолат намедиҳад. Дар зиндагии рӯҳонӣ ҳам чунин рӯй медиҳад. Имон худ аз худ нокифоя аст. Маркази ин имон бояд Худованд Исои Масеҳ бошад. Азбаски Ӯ ҳеҷ гоҳ мағлуб шуда наметавонад, касе ки ба Ӯ бовар кардааст, ҳеҷ гоҳ ноумед намешавад.

Он далел, ки Павлус пеш аз ин ҳам оид ба *имон* ва *муҳаббати* онҳо шунида буд, нишон медиҳад, ки онҳо, бешубҳа, имони худро пинҳон намедоштанд. Дар ҳақиқат Аҳди Нав онҳоеро, ки масеҳӣ будани худро пинҳон медоранд, намеписандад. Хусусияти таълимоти Каломи Худо чунин аст, ки агар одам Наҷотдиҳандаро самимона қабул намояд, ӯ ҳатман имон ба Масеҳро кушоду равшан эътироф хоҳад кард.

Муҳаббати кулассиён ба *ҳамаи муқаддасон* паҳн мешуд. Ин муҳаббат марзи ҳудудиро намедонист, бо ҷамоати худ ҳам маҳдуд намешуд. Онҳо на танҳо онҳоеро дӯст медоштанд, ки ба ҷамоати онҳо тааллуқ доштанд, балки дар ҳама ҷое ки масеҳиёни ҳақиқиро пайдо мекарданд, муҳаббати худро саховатмандона ба онҳо мерасонданд. Ин бояд ба мо дарси ибрат шавад: муҳаббати мо набояд бо чорчӯбаи ҷамоати масеҳии мо ё бо миссионерон аз кишвари мо маҳдуд шавад. Мо бояд масеҳиёнро дар ҳар ҷое ки бошанд, шиносем, ва бо ҳар имконияте муҳаббатамонро ба онҳо нишон диҳем.

**1,5** Пурра фаҳмо нест, ки ин оят бо ояти пешина чӣ гуна алоқаманд аст. Ё он бо ояти 3 алоқаманд аст: ба Худо миннатдорӣ изҳор менамоем ... *ба хотири умеде ки бароятон дар осмон нигоҳ дошта мешавад;* ё он бо қисми дуюми ояти 4 алоқаманд аст: оид ба муҳаббати шумо ба ҳамаи муқаддасон *ба хотири умеде ки бароятон дар осмон нигоҳ дошта мешавад.* Ҳар кадоми ин шарҳҳо имконпазир аст. Расул метавонист ба Худованд на танҳо барои имон ва муҳаббати онҳо миннатдорӣ изҳор намояд, балки ҳамчунин барои он чи дар оянда дороии онҳо мешавад. Аз тарафи дигар, ин ҳам дуруст аст, ки мо имон ба Исои Масеҳ ва муҳаббат ба ҳамаи муқаддасонро бо назардошти он чи моро интизор аст, зоҳир менамоем. Дар ҳар сурат равшан аст, ки Павлус дар ин ҷо се некӯкории асосии зиндагонии масеҳиёнро номбар менамояд: имон, муҳаббат ва *умед*. Онҳо ҳамчунин дар 1Қуринтиён 13,13 ва 1Таслуникиён 1,3; 5,8 номбар шудаанд. Лайтфут мегӯяд: «Имон ба гузашта такя мекунад; муҳаббат дар замони ҳозира амал мекунад; умед ба оянда менигарад».[4]

Дар ин оят *умед* ҳолати хурсандона ва оромонаи интизориро ифода намекунад; аниқтараш ин калима онро ифода мекунад, ки одам дар ин маврид ба чӣ умед мебандад – ба наҷоти мо, ҳангоме ки мо ба осмон гирифта мешавем ва ба тасарруфи мероси абадии худамон ҳуқуқ пайдо мекунем. Кулассиён дар бораи ин *умед* пештар ҳам шунида буданд, шояд, ҳангоме ки ба онҳо Эпафрос Хабари Хушро мавъиза менамуд. Он чи онҳо он вақт шунида буданд, чун *каломи ростӣ, яъне Инҷил* тасвир карда мешавад. *Инҷил* дар ин ҷо чун хабари *ростӣ* хуб муайян карда мешавад. Эҳтимол, Павлус оид ба таълимоти бардурӯғи гностикҳо фикр карда, ин суханонро менавишт. Касе ростиро чун он чи Худо оид ба чизе мегӯяд, муайян кардааст (Юҳ. 17,17). *Инҷил ростист,* зеро ки он Каломи Худост.

**1,6** Ҳақиқати Хушхабар ба Кулассо *расида буд, чунон ки ба тамоми ҷаҳони* дар он вақт маълум низ. Ин ибораро ба маънои аслӣ фаҳмидан лозим нест. Ин ибора маънои онро дошта наметавонист, ки ҳар мард ва ҳар зан дар ин ҷаҳон дар он замон аллакай Хушхабарро шунида буданд. Қисман ин ибора онро ифода карда метавонад, ки Хушхабарро дар бораи наҷот намояндагони ҳамаи халқҳо

шунидаанд (Аъм. 2). Ҳамчунин ин ибора онро ифода карда метавонад, ки Хушхабар барои ҳамаи одамон аст ва ба сарҳад нигоҳ накарда дар ҳама ҷо паҳн мешавад. Павлус ҳамчунин натиҷаҳои ногузири мавъизаи Хушхабарро тасвир менамояд. Дар Кулассо ва *дар тамоми* қисмҳои дигари *ҷаҳон,* дар он ҷое ки мавъизаи Хушхабар ба амал оварда мешуд, вай *самар* мебахшид ва *афзоиш* меёфт. Ин тасдиқ табиати фавқулодаи Хушхабарро таъкид менамояд. Дар табиат растанӣ одатан дар як вақт ҳам ҳосил додан ва ҳам сабзидан наметавонад. Барои он ки вай ҳосил диҳад, онро вақт-вақт бурида истодан лозим аст, зеро, агар ба растанӣ имкони озодона сабзидан дода шавад, ҳамаи қувваҳои ҳаётии он на ба ҳосил, балки ба ташаккули баргҳо ва шохаҳо сарф мешаванд. Аммо Хушхабар дар як вақт ҳам ҳосил дода ва ҳам сабзида метавонад. Он ҷони масеҳиёнро наҷот дода ва онҳоро устувор намуда, самари худро меорад ва аз шаҳр ба шаҳр ва аз халқ ба халқ паҳн мегардад.

Маҳз чунин буд таъсири Хушхабар ба кулассиён *аз он рӯзе ки* онҳо *файзи Худоро шунидаанд ва дар ростӣ донистаанд.* Ҷамоат дар Кулассо аз ҷиҳати шумора меафзуд ва дар ҳаёти масеҳиёни ин шаҳр инкишофи рӯҳонӣ мушоҳида карда мешуд.

Зоҳиран, дар асри якум муваффақиятҳои бузург ба даст оварда шуда буданд ва Хушхабар дар ҳақиқат ба Аврупо, Осиё ва Африқо оварда шуда, нисбат ба он ки аксарият тахмин менамоянд, дуртар ворид шуда буд. Бо вуҷуди он асосе нест чунин ҳисобем, ки башоратдиҳӣ тамоми заминро фаро гирифта буд. Ибораи *«файзи Худо»* тасвири зебои Хушхабар аст. Чӣ гуна суханон метавонанд ин хабари хушро беҳтар аз ҳақиқати зебо оид ба файзи Худо, ки ба одамони гуноҳгори сазовори ғазаби Худо ато шудаанд, баён намоянд?

**1,7** Расул рӯйрост тасдиқ менамояд, ки маҳз ба шарофати *Эпафрос* Хушхабар ба масеҳиён оварда шуд ва як қисми зиндагонии онҳо гардид. Павлус Эпафросро *ҳамкори азиз* ва *барои* онҳо *хизматгузори бовафо дар Масеҳ* номида, таъриф мекунад. Расул Павлус ҳасад ва рашк намепарварид. Мавъизагари дигарро таъриф кардани одамон ба иззати нафси ӯ намерасид. Баръакс, ӯ аввалин шуда дигар хизматгорони Худовандро қадршиносӣ мекард.

**1,8** Маҳз аз Эпафрос худи Павлус оид ба *муҳаббати* кулассиён, ки *дар Рӯҳ* аст, фаҳмид. Ин дилбастагии одии инсонӣ набуд, балки он *муҳаббати* ҳақиқӣ ба Худованд ва ба халқи Ӯ буд, ки ҳангоми ба одам фуруд омадани Рӯҳи Худо пайдо мешавад. Ин ягона зикри Рӯҳулқудс дар ин нома аст.

**1,9** Ба Худованд ташаккур гуфта, Павлус бевосита ба дуо дар ҳаққи муқаддасон мегузарад. Мо гуфта будем, ки мавзуъҳои дуоҳои расул то чӣ андоза васеъ ҳастанд. Бояд гуфт, ки ӯ ҳамеша оид ба он чи масеҳиён дар ҳар як ҷои муайян ба он эҳтиёҷ доштанд, дуо мегуфт. Дуоҳои ӯ аз ҳад зиёд умумӣ набуданд. Дар ҳаққи куласиён дуо гуфта, ӯ, чунон ки ба назар мерасад, чор илтимоси алоҳидаро тасвият медиҳад: 1) маърифати рӯҳонӣ; 2) зиндагии сазовор; 3) қувваи фаровон; 4) рӯҳи шукргузор.

Павлус дар дуоҳои худ саховатманд буд. Ин махсусан аз оятҳои 9, 10 ва 11 аён аст, ки он ҷо ӯ калимаҳои *«ҳар»* ва «тамоми»-ро истифода мебарад.

1. *Дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ* (о. 9).
2. *Аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд омада* (о. 10).
3. *Дар ҳар кори нек* (о. 10).
4. *Бо тамоми қувват мустаҳкам шуда* (о. 11).
5. *Дар ҳар сабот ва сабр* (о. 11).

Калимаҳои *«бинобар ин»* ин оятро бо оятҳои пешина пайваст менамоянд. Он «ба шарофати нақли Эпафрос»-ро ифода мекунад (о. 4.5.8). Аз ҳамон лаҳзае ки расул бори аввал дар бораи бародарони дӯстдошта, имон, муҳаббат ва умеди онҳо дар Кулассо *шунид,* ӯ мунтазам дар ҳаққи онҳо дуо мегуфт. Пеш аз ҳама ӯ оид ба он дуо мегуфт, то ки онҳо *аз дониши хости* Худо *дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ пур шаванд.* Ӯ ба онҳо ато кардани хиради таърифии гностикҳоро хоҳиш намекард. Ӯ мехост, ки онҳо дар тамоми пуррагӣ *хости* Худовандро барои зиндагии онҳо *фаҳманд,* ки он ба василаи Каломи Ӯ кушода мешавад. Аз рӯи табиати худ ин фаҳмиш на мардумӣ ё моддист; он бо *ҳикмати* рӯҳонӣ *ва фаҳмиши рӯҳонӣ* тавсиф карда мешавад – *бо ҳикмате* ки бо беҳтарин роҳ истифода бурдани ин донишро имконият медиҳад ва бо *фаҳме* дарк карданро имконият медиҳад, ки чӣ чиз хости Худост ва чӣ чиз ба он мухолифат мекунад.

**1,10** Байни оятҳои 10 ва 9 робитаи хеле муҳим ҳаст. Чаро расул Павлус мехост, ки

кулассиён аз фаҳми хости Худо пур шаванд? Барои он ки онҳо мавъизагарони бисёр хуб ё муаллимони барҷаста шуда тавонанд? Барои он ки онҳо ба худ шумораи зиёди пайравонро ҷалб карда тавонанд, чунон ки гностикҳо мекӯшиданд чунин кунанд? Не, мақсади асосии ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ ба масеҳӣ ёрӣ додан аст, то *муносиби Худо рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд ояд.* Дарси барои мо муҳим, ки ба роҳнамоии Худо дахл дорад, аз ҳамин иборат аст. Худо ба мо хости Худро на барои он ошкор менамояд, ки кунҷковии моро қонеъ кунонад. Ҳамчунин на барои он ки ба шуҳратпарастӣ ё такаббури мо хуш ояд. Аниқтараш Худованд ба мо ошкор менамояд, ки хости Ӯ нисбати ҳаёти мо чӣ гуна аст, то дар ҳар коре ки мекунем, аз ҳар ҷиҳат ба Ӯ писанд омада тавонем.

*Дар ҳар кори нек самара диҳед.* Ин суханон огоҳкунии муфид оид ба он аст ки агарчи одам на ба шарофати корҳои нек наҷот меёбад, ӯ *барои* корҳои нек наҷот ёфтааст. Баъзан, барои наҷоти ҷон тамоман беҳуда будани амалҳои некро зикр намуда, мо чунин таассурот ба амал оварда метавонем, ки масеҳиён ба амалҳои нек боварӣ надоранд. Ба ҳеҷ ваҷҳ! Дар Эфесусиён 2,10 мо мехонем: «... мо сохтаи дасти Ӯ ҳастем ва дар Масеҳ Исо барои корҳои нек офарида шудаем ...» Павлус ба Титус низ менависад: «Дуруст аст ин сухан; ва ман мехоҳам, ки ту ин чизҳоро таъкид кунӣ, то онҳое ки ба Худо имон овардаанд, дар фикри он бошанд, ки корҳои нек кунанд» (Тит. 3,8).

Павлус мехост, то онҳо на танҳо *дар ҳар кори нек самар диҳанд,* балки ҳамчунин *дар дониши Худо нашъунамо ёбанд.* Ба чӣ тариқ? Пеш аз ҳама Каломи Худоро устуворона омӯхта. Ин донишҳоро ҳамчунин бо хизмати содиқона ба Ӯ ва бо риояи фармудаҳои Ӯ соҳиб шудан мумкин аст. (Шояд, суханони аввалин зикргардида маънои асосии порчаи додашуда мебошанд.) Ба ин тариқ рафтор намуда, мо Худовандро чуқуртар мефаҳмем. «Ва Худовандро хоҳем шинохт, агар мо ба Ӯ пайравӣ намуда, барои шинохтани Ӯ ҷидду ҷаҳд кунем» (Ҳуш. 6,3 мувофиқи як тарҷумаи англисии КМ).

Ба такрори калимаҳое диққат диҳед, ки дар боби 1 бо ғояи дониш алоқа доранд, инчунин ба он ки бо ҳар як истифодаи чунин калима такомули муайяни фикр мушоҳида карда мешавад. Дар ояти 6 онҳо файзи Худоро «донистаанд». Дар ояти 9 онҳо «дониши хости Ӯро» ба даст оварданд. Дар ояти 10 онҳо дар *дониши* Худо *нашъунамо* меёбанд. Эҳтимол, аввалӣ наҷотро, дуюмӣ омӯзиши Навиштаро, сеюмӣ бошад хизмат ва зиндагӣ дар Масеҳро ифода мекунад. Таълимоти оқилона бояд ба рафтори дуруст оварда расонад, ки он дар хизмати итоаткорона ифода меёбад.

**1,11** Хоҳиши сеюми расул аз он иборат аст, ки масеҳиён *мувофиқи қудрати ҷалоли Ӯ бо тамоми қувват пурзӯр шаванд.* Ба пайдарпайӣ диққат диҳед: *пур шудан* (о. 9); *самар додан* (о. 10); *пурзӯр шудан* (о. 11). Барои ҳаёти масеҳиёна аз ҷидду ҷаҳди одии одамӣ чизи бештаре лозим аст. Он қувваи фавқулодаро талаб менамояд. Аз ҳамин сабаб Павлус хоҳиш менамояд, ки ба масеҳиён донистани қувваи Писари зиндашудаи Худо дода шавад; зиёда аз он, ӯ илтимос менамояд, ки онҳо *мувофиқи қудрати ҷалоли Ӯ* онро фаҳманд. Ӯ на оид ба як қисми қуввати Ӯ хоҳиш менамояд, балки *мувофиқи* он. *Қудрати ҷалоли Ӯ* беинтиҳост ва расул ҳам оид ба ин қудрати беинтиҳо дуо мегӯяд. Пик менависад: «Қувва на танҳо мувофиқи эҳтиёҷи он касе ато мегардад, ки онро қабул менамояд, балки ҳамчунин мувофиқи пешниҳодоти Худо».[5]

Чаро Павлус мехоҳад, ки масеҳиён ин қувваро дошта бошанд? Оё барои он ки онҳо ба кӯча баромада муъҷизаҳои таъсирбахшро ба амал оварда тавонанд? Оё барои он ки мурдаҳоро зинда кардан, беморонро шифо бахшидан, девҳоро рондан тавонанд? Ва боз ҷавоб: «Не». Ин қувва барои он лозим аст, ки фарзанди Худо *бо шодӣ дорои ҳар сабр ва тоқат* буда тавонад. Ин диққати махсусро сазовор аст. Имрӯз дар байни як қисми масеҳиён ба чунин муъҷизаҳои номниҳод, ба монанди ба забонҳо гап задан, шифои беморон ва дигар амалҳои ба ҳамин андоза ҳангоманок диққати зиёд дода мешавад. Вале дар замоне ки мо зиндагӣ менамоем, муъҷизаи аз ҳамаи он муъҷизаҳои зикршуда бузургтаре ҳаст, фарзанди Худо, ки ҷавру ҷафоро пурсаброна таҳаммул мекунад ва дар байни озмоишҳо ба Худо миннатдорӣ изҳор менамояд.

Дар 1Қуринтиён 13,4 пурсабрӣ бо меҳрубонӣ робита дорад, дар ин ҷо – бо *шодӣ.* Мо азоб мекашем, зеро ки тамоми ранҷи офариништро бо ҳам надида наметавонем. Доимо дар

дил *шодиро* нигоҳ доштан ва ба дигарон меҳрубон будан, ки бе қувваи Худо ғайриимкон аст, – ғалабаи масеҳӣ дар ҳамин аст. Фарқи байни *сабр ва тоқат* ҳамчун фарқи байни бе шикоят таҳаммул кардан ва бе хоҳиши қасосгирӣ таҳаммул кардан муайян карда мешавад. Файзи Худо аз ҳама бештар дар зиндагии масеҳие равшан намоён мегардад, ки метавонад пурсаброна азоб кашад ва ҳатто дар озмоишгоҳи оташин низ Худовандро ҳамду сано гӯяд.

**1,12** Суханони *«шукргузорӣ намоед»* дар ин оят на ба Павлус, балки ба куласссиён дахл дорад (дар нусхаи асл дар ин ҷо шумораи ҷамъ аст). Павлус дуо мегӯяд, ки онҳо на танҳо бо ҳар гуна қувва мустаҳкам шаванд, балки ҳамчунин бо рӯҳи сипосгузорона пур шаванд ва ҳамеша миннатдории худро *ба Падар* изҳор намоянд, ки Ӯ онҳоро *ба мероси муқаддасон дар нур шарик гардондааст.* Ҳамчун писарони Одам, мо ба саодати биҳиштӣ тайёр набудем. Дар ҳақиқат, агар одамони наҷотнаёфта бо ягон тариқ ба биҳишт меафтиданд, онҳо на шодӣ, балки азоби беинтиҳоро эҳсос менамуданд. Барои фаҳмидани тамоми ҷолибияти осмон ба он тайёр будан лозим аст. Ҳатто ба Худованд Исо имон дошта, мо худ аз худ он чиро, ки дар осмон зарур аст, соҳиб нестем. Ягона Касе ки ба мо ҳуқуқро ба саодати биҳиштӣ медиҳад, Худи Худованд Исои Масеҳ мебошад:

*Бо дилу ҷон ба корнамоии Ӯ умед мебандам,*
*Такягоҳи дигарро ман дар ҳеҷ куҷо намеёбам,*
*Ҳатто дар он ҷое ки ҳамаи ҷалоли биҳишт ҳукмрон аст,*
*Дар боғи зебои Имонуил.*

Энн Рос Казн

Ҳангоме ки Худо ягон касро наҷот медиҳад, Ӯ дарҳол ин одамро ба осмон лоиқ мегардонад. Ва ин лоиқӣ Масеҳ аст. Аз ин зиёдтар кардан намешавад. Ва ҳатто умри дарози дар фурӯтанӣ ва хизмат гузаронидашуда касро нисбат ба он рӯзе ки ӯ наҷот ёфт, ба биҳишт лоиқтар намекунад. Гарави ҳуқуқи мо ба саодати биҳиштӣ дар хуни Ӯст. Дар ҳоле ки мерос *дар нур аст* ва дар осмон моро интизор аст, дар замин мо, масеҳиён, аз Рӯҳулқудс, ки он «кафолати ворисии мо» мебошад, пур шудаем. Ҳамин тариқ, мо метавонем на танҳо бо он чи моро дар пеш интизор аст, шодӣ кунем, балки ҳоло ҳозир аз самарҳои аввалини Рӯҳ лаззат барем.

**1,13** Худо моро «ба мероси муқаддасон дар нур шарик» карда, *аз қудрати торикӣ* халосӣ дод ва *ба Подшоҳии Писари дӯстдоштаи Худ дохил кард* (муқоиса кунед 1Юҳ. 2,11). Инро мувофиқи тасвир дар китоби Хуруҷ дар мисоли он чи фарзандони Исроил аз сар гузарониданд, нишон додан мумкин аст. Онҳо дар Миср зери тозиёнаи нозирон нолида мезистанд. Худо дахолат намуда ва муъҷиза ба амал оварда, онҳоро аз ин ғуломии мудҳиш халос кард ва аз байни биёбон ба замини ваъдашуда овард. Мо низ аз боиси гуноҳкор буданамон дар ғуломии шайтон ҳастем, вале ба туфайли Масеҳ мо аз чанголи ӯ *халос* карда *шудем* ва раияти *Подшоҳии* Масеҳ шудем. Подшоҳии шайтон подшоҳии *торикӣ,* набудани нур, гармӣ ва шодист, дар ҳоле ки *Подшоҳии* Масеҳ *Подшоҳии* муҳаббат аст, ки мавҷудияти ин се таркиброро дар назар дорад.

*Подшоҳии* Масеҳ дар Навишта дар якчанд ҷанбаи гуногун зоҳир мегардад. Ҳангоме ки Ӯ бори аввал ба замин омад, Ӯ ба халқи Исроил Подшоҳиро ба маънои аслии ин калима пешниҳод намуд. Яҳудиён аз ҳукмронии румиён халос шудан мехостанд, вале аз гуноҳҳои худ тавба кардан намехостанд. Масеҳ танҳо бар халқе ҳукмрон шуда метавонист, ки бо он робитаи рӯҳии мувофиқ дошта бошад. Инро фаҳмида, онҳо Подшоҳи худро рад карданд ва Ӯро ба салиб кашиданд. Аз он замон Худованд Исо аз нав дар осмон аст ва Подшоҳии Ӯ дар шакли барои мо диданашаванда вуҷуд дорад (Мат. 13). Подшоҳ ҳузур надорад. Вале тамоми онҳое ки ба Исои Масеҳ бовар кардаанд, Ӯро ҳокими комилҳуқуқи худ эътироф менамоянд ва ҳамин тариқ, раияти Подшоҳии Ӯ мебошанд. Рӯзе меояд, ки Худованд Исо аз нав ба замин бармегардад, то Подшоҳии Худро бо пойтахташ дар Уршалим бунёд кунад ва ҳазор сол ҳукмронӣ намояд. Дар охири ин давра Масеҳ тамоми душманони Худро ба пеши пои Худ меандозад ва баъд Подшоҳиро ба Худо Падар медиҳад. Ин ибтидои Подшоҳии ҷовидонӣ мегардад, ки ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад.

**1,14** Пас аз ёдрасӣ оид ба Подшоҳии Писари дӯстдоштаи Худо яке аз зеботарин порчаҳо оид ба Шахсият ва корнамоиҳои Худованд Исо сар мешавад. Муайян намудани

мо мушкил аст, ки оё Павлус дуои худро ал-лакай ба охир расонд ё онро дар оятҳое давом медиҳад, ки мо дида баромадани ҳастем. Вале ин он қадар ҳам муҳим нест, зеро, агар оятҳои баъдина аслан дуо набошанд ҳам, бешубҳа, Худоро ҳамду сано мегӯянд.

Стурс зикр менамояд, ки «дар ин порчаи ҷолиб, ки Исоро беш аз ҳама порчаҳои дигар ситоиш менамояд, номи Ӯ ягон маротиба дар ҳеҷ як шакл зикр намегардад». Агарчи ба ин таваҷҷуҳ зоҳир намудан меарзад, ин ҷо ҳеҷ чизи ҳайратангез нест. Тасвири дар ин ҷо дода-шуда ғайр аз Наҷотдиҳандаи муборaки мо боз ба кӣ мувофиқат карда метавонист? Ин порча хоҳишеро ба ёди мо мерасонад, ки Марям бо он ба боғбон муроҷиат намуд: «Эй Хоҷа! Агар ту Ӯро бурда бошӣ, ба ман бигӯ, ки Ӯро куҷо гузоштӣ, то ки ман Ӯро гирифта барам» (Юҳ. 20,15). Вай номи Ӯро намегуфт. Ӯ танҳо як Одамро дар назар дошт.

Пеш аз ҳама оид ба Масеҳ чун оид ба Оне гуфта мешавад, *ки дар Ӯ мо бозхарид шудаем, яъне бахшоиши гуноҳҳоро пайдо кардаем.*[6] Бо калимаи *«бозхарид»* амале нишон дода мешавад, ки ба воситаи он мо дар бозори ғуломии гуноҳ харида шуда будем. Ба як маъное Худованд Исо барои мо нарх муқаррар намуд. Ӯ ба мо то чӣ андоза баланд баҳо гузошт? Амалан Ӯ чунин гуфт: «Ман онҳоро чунон баланд баҳо мегузорам, ки тайёрам хуни Худро резам, то ки онҳоро харида гирам». Бо чунин нархи гарон харида шуда, мо бояд фаҳмем, ки дигар ба худамон тааллуқ надорем – барои мо нарх муқаррар гардида буд ва мо харида шуда будем. Пас мо наметавонем зиндагии худро мувофиқи хости худ гузаронем. Борден аз Йел ишорат мекунад, ки зиндагии худро бо хости худ идора карда, мо он чизеро мегирем, ки ба мо тааллуқ надорад, яъне, дузд ҳастем.

Ӯ на танҳо моро харида гирифт; Ӯ ба мо *бахшоиши гуноҳҳоро* ато намуд. Ин онро ифода мекунад, ки Худо қарзҳоеро, ки мо аз барои гуноҳҳои худамон ба он ғӯтидаем, бекор кард. Худованд Исои Масеҳ қарзи моро дар салиб пардохт ва дигар барои он пул додан талаб карда намешавад. Суратҳисоб пардохт шудааст ва пӯшида шудааст ва Худо на танҳо бахшид, балки ҷиноятҳои моро ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст, аз мо дур андохт (Заб. 102,12).

## В. Ҷалоли Масеҳ чун Сарвари Ҷамоат (1,15-23)

**1,15** Дар чор ояти баъдина Худованд тасвир карда мешавад: 1) дар муносибати Ӯ ба Худо (о. 15); 2) дар муносибати Ӯ ба офариниш (о. 16.17) ва 3) дар муносибати Ӯ ба Ҷамоат (о. 18).

Худованд дар ин ҷо чун *сурати Худои нонамоён* тасвир карда мешавад. Калимаи *«сурат»,* дар ҳар ҳол, ду ғояро дар худ дорад. Аввалан, вай дар бораи он далолат мекунад, ки Худованд Исо ба мо имконият дод бинем, ки Худо чӣ гуна аст. Худо Рӯҳ аст ва бинобар ин нонамоён аст. Вале дар Симои Масеҳ Худо Худро ба чашмони одамон нишон дод. Ба ин маънӣ Худованд Исо *сурати Худои нонамоён аст.* Он касе ки Ӯро дидааст, Падарро дидааст (ниг. Юҳ. 14,9). Вале калимаи *«сурат»* ҳамчунин оид ба намоянда гувоҳӣ медиҳад. Аз ибтидо Худо Одамро дар замин ҷой дод, то ки ӯ мақсадҳои Ӯро намояндагӣ кунад, вале ин ба Одам муяссар нашуд. Бинобар ин Худо ба ҷаҳон чун намояндаи Худ Писари ягонаро фиристод, то ки Ӯ мақсадҳои Ӯро ифода кунад ва дили дӯстдори Ӯро ба одам кушояд. Ба ин маъно Ӯ сурати Худо мебошад. Дар худи ҳамон маъно калимаи «шабоҳат» дар 3,10 истифода мешавад. Он ҷо оид ба масеҳиён гуфта мешавад, ки онҳо сурати Масеҳ мебошанд.

Масеҳ ҳамчунин *нахустзода бар тамоми офариниш,* ё «тамоми чизи офаридашуда» мебошад. Ин чӣ маъно дорад? Баъзе муаллимони дурӯғин тахмин мекунанд, ки Худованд Исои Масеҳ Худаш офарида мебошад, ва Ӯ яке аз аввалин шахсонест, ки ӯро Худо ягон вақт офаридааст. Баъзе аз онҳо тайёранд ҳатто эътироф намоянд, ки Ӯ бузургтарин офаридаҳост, ки ягон вақт аз дасти Офаридгор баромадааст. Вале ин мухолифати рӯйрост ба таълимоти Каломи Худост.

Дар Навишта калимаи «нахустин» камаш се маънои гуногун дорад. Дар Луқо 2,7 калимаи «нахустин» ба маънои аслӣ кор фармуда мешавад, зеро дар он ҷо сухан дар бораи он меравад, ки Марям Писари нахустини худро зоид. Калимаи «нахустин» дар ин ҷо онро ифода мекунад, ки Худованд Исо аввалин кӯдаке буд, ки ӯ зоид. Дар Хуруҷ 4,22, баръакс, калимаи «нахустин» ба маънои маҷозӣ кор фармуда мешавад: «Исроил писари Ман *аст,*

нахустзодаи Ман». Дар ин оят сухан дар бораи зодашавии ҳақиқӣ намеравад, балки Худованд ин калимаро барои ифодаи он мавқеи олие истифода мебарад, ки барои Исроил дар нақшаҳои Ӯ муқаррар карда шуда буд. Дар охир, дар Забур 88,28 калимаи «нахустин» барои ифодаи ғояи ҷои якум, афзалият ва нодирӣ кор фармуда мешавад. Дар ин ҷо Худо ваъда медиҳад, ки Довудро нахустзодаи Худ мекунад, аз подшоҳони замин болотар мекунад. Аслан Довуд писари охирини Ишой буд. Вале Худо ба ӯ мартабаи ҳокими мутлақро муайян намуд.

Оё маънои аниқи ифода аз Кулассиён 1,15 ҳамин нест: *нахустзодаи тамоми офариниш?* Худованд Исои Масеҳ Писари ягонаи Худост. Ба як маъно ҳамаи имондорон писарони Худо ҳастанд, вале Ӯ ба тавре Писари Худост, ки ин ифода оид ба ҳеҷ каси дигар рост нест. Ӯ пеш аз ҳар кадом офариниш вуҷуд дошт ва аз ӯ мавқеи беандоза баландтарро ишғол менамояд. Ӯ мавқеи баландтаринро ишғол менамояд ва ҳокимияти олитаринро дорост. Ифодаи *«нахустзодаи тамоми офариниш»* дар ин ҷо ба зода шудан ҳеҷ гуна муносибат надорад. Вай фақат онро ифода мекунад, ки Ӯ аз рӯи хешутабории абадӣ Писари Худост. Ин унвонест, ки дар бораи бартарӣ аз рӯи мавқеъ далолат менамояд, на аз рӯи замон.

**1,16** Муаллимони дурӯғин ба ояти 15 такя карда, мегӯянд, ки Худованд Исо махлуқи офаридашуда буд. Одатан дар асоси худи ҳамон порчае аз Навишта, ки намояндагони фирқаҳо истифода мебаранд, ҳар кадом иштибоҳро рад кардан мумкин аст. Ин дар ҳолати зерин ҳам дуруст аст. Ояти 16 яқинан собит менамояд, ки Худованд Исо офарида нест, балки Худ Офаридгор аст. Аз оят мо мефаҳмем, ки *ҳама чиз,* яъне тамоми олам на танҳо *ба воситаи Ӯ,* балки *барои Ӯ* низ офарида шудааст. *Дар Ӯ* ва *ба воситаи Ӯ* дар ин оят ғояҳои гуногунро ифода мекунанд. Дар аввал мо мехонем, ки *ҳама чиз дар Ӯ офарида шудааст.* Ин онро ифода мекунад, ки Ӯ сарчашмаи қувваи офаринанда буд. Ӯ Меъмор буд. Баъдтар дар худи ҳамин оят мо мехонем, ки *ҳама чиз ба воситаи Ӯ ... офарида шудааст.* Дар ин ҷо дар бораи Ӯ чун дар бораи Шахсияти Амалкунандаи офариниш гуфта мешавад. Ӯ Шахсияти Илоҳӣ буд, ки амали офаринишро иҷро намуд. Инчунин ҳама чиз *барои Ӯ* офарида шуда буд. Ӯ Он Шахсест, ки ҳама чиз барои Ӯ офарида шуда буд, мақсади офариниш.

Павлус мекӯшад таъкид намояд, ки *ҳама чиз* аз тарафи Масеҳ *ба вуҷуд оварда шудааст,* хоҳ мо оид ба *ҳама чизе* ки *дар осмон* аст, хоҳ оид ба он чи *бар замин* аст, сухан ронем. Ин ба ҳеҷ кас маҷоле намедиҳад, то бигӯяд, ки агарчи Ӯ баъзе чизҳоро офаридааст, Ӯ Худаш офаридаи аввалин буд.

Расул давом дода, мегӯяд, ки офаридаҳои Худованд ҳам *намоён,* ҳам *нонамоёнро* дар бар мегирифтанд. Калимаи *«намоён»* шарҳе наметалабад, вале расул Павлус мефаҳмид, ки калимаи *«нонамоён»* кунҷковии моро бармеангезад. Бинобар ин ӯ баъдтар муфассал номбар мекунад, ки бо ин калима чиро дар назар дорад. Ба ин ҷо *тахтҳо, салтанатҳо, сарвариҳо* ва *ҳукуматдориҳо* дохил мешаванд. Мо чунин мешуморем, ки ин истилоҳот фариштаҳоро тасвир менамоянд, ҳарчанд мо мартабаҳои ин мавҷудоти боақлро аз ҳам фарқ карда наметавонем.

Гностикҳо таълим медоданд, ки дар байни Худо ва материя синфҳои гуногуни мавҷудоти рӯҳӣ ҳастанд ва Масеҳ ба яке аз ин синфҳо тааллуқ дорад. Дар рӯзҳои мо спиритистҳо эълон менамоянд, ки Исои Масеҳ рӯҳи хеле инкишофёфтаи доираи шашум мебошад. «Шоҳидони Яҳува» тасдиқ менамоянд, ки пеш аз он ки ба дунё ояд, Худованд фариштаи офаридашуда буд, ва маҳз сарфаришта Микоил! Дар ин порча Павлус боғайратона чунин ғояҳои бемаъниро рад мекунад, то ба дараҷаи имкон аниқ тасдиқ менамояд, ки Худованд Исои Масеҳ дар асл Офаридгори фариштаҳо ва ҳамаи мавҷудоти *намоён* ва *нонамоён* аст.

**1,17** *Ва Ӯ пеш аз ҳама чиз аст ва ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад.* Павлус мегӯяд: «Ӯ пеш аз ҳама чиз аст», на ин ки «Ӯ пеш аз ҳама чиз буд». Замони ҳозира аксар дар Навиштаи Муқаддас барои ифодаи табиати берун аз вақти Худо истифода мешавад. Худованд Исо, масалан, мегуфт: «Пеш аз он ки Иброҳим пайдо шуд, МАН ҲАСТАМ» (Юҳ. 8,58).

Худованд Исо на танҳо пеш аз ҳар кадом махлуқот вуҷуд дошт, балки ҳамчунин *ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад.* Ин онро ифода мекунад, ки Ӯ Ибтидои устуворкунандаи олам ва Сарчашмаи ҳаракати абадии он мебошад. Ӯ ситораҳо, офтоб ва моҳтобро идора мекунад. Ҳатто вақте ки Ӯ дар замин буд, Ӯ Он Касе буд, ки

қонунҳои ба низом оварандаи кори оламро назорат мекард.

**1,18** Ҳокимияти Худованд Исо на танҳо ба олами табиӣ, балки ба соҳаи рӯҳонӣ паҳн мешавад. *Ӯ сари Бадан, яъне /сари/ ҷамоат аст.* Ҳамаи онҳое ки ба Худованд Исо имон доранд, дар давоми тамоми эраи мо *Бадани* Масеҳ, ё *Ҷамоатро* ташкил медиҳанд. Айнан ҳамон тавре ки бадани одам барои одам воситаи худбаёнкунӣ мебошад, ҳамчунин Бадани Масеҳ ҳам воситаест, ки Ӯ дар замин дошт ва хост Худро бо ёрии он ба ҷаҳон зоҳир намояд. *Ва Ӯ Сари* ин *Бадан аст.* Калимаи «сар» роҳбарият, ҳокимият, назоратро дар назар дорад. Ӯ дар Ҷамоат *аввалин* аст.

*Ӯ навбар аст.* Мо инро ба он маънӣ мефаҳмем, ки Ӯ *навбари* офариниши нав (ниг. Ваҳй 3,14), сарчашмаи ҳаёти рӯҳонист. Сипас ин бо суханони *«нахустзода аз мурдагон»* шарҳ дода мешавад. Ва боз аз нав дар ин ҷо ба ин таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст: «Нахустин аз мурдаҳо» онро ифода намекунад, ки Худованд Исо якумин шуда аз мурдаҳо зинда шуд. Ҳам дар Аҳди Қадим, ҳам дар Аҳди Нав ҳодисаҳои аз мурдагон зинда шудан тасвир мешаванд. Вале Худованд Исо аввалин Касе буд, ки аз мурдаҳо зинда шуд, то ки дигар ҳеҷ гоҳ намирад. Ӯ аввалин шуда дар бадани ҷалолёфта зинда шуд ва Ӯ чун Сарвари офариниши нав зинда шуд. Растохези Ӯ беназир аст; ин исботи он аст, ки ҳамаи касоне ки ба Ӯ имон овардаанд, ҳамчунин зинда мешаванд. Ин Ӯро дар офариниши рӯҳонӣ баландтарин эълон мекунад.

Алфред Мейс хуб тасвият медиҳад:

*Масеҳ дар ҳеҷ чиз дуюм буда наметавонад. Вай «нахустзодаи тамоми офариниш аст», чунки ҳама чизро офаридааст (Кул. 1,15.16). Ӯ ҳамчунин дар оилаи осмонии наҷотёфта нахустин аз мурдаҳост. Ҳамин тариқ, офариниш ва наҷот ба шарофати он ки Ӯ Кист ва Ӯ чӣ кор кард, ба Ӯ ҳокимияти олиро месупоранд, «то ки дар ҳама чиз Ӯ аввалин бошад». Ӯ дар ҳама ҷо аввалин аст.*[7]

Ҳамин тариқ, Худованд Исо дукарата аввалин аст: пеш аз ҳама дар офариниш ва баъд дар Ҷамоат. Худо пешакӣ муайян кард, ки дар ҳама чиз Ӯ *аввалин* хоҳад *буд*. Ин ҷавоби хеле хуб аст ба онҳое ки дар замони Павлус (ва дар рӯзҳои мо) мекӯшиданд Масеҳро аз табиати илоҳии Ӯ маҳрум созанд ва Ӯро, ба яке аз офаридаҳои Худо, агарчи бузург, табдил диҳанд.

Ҳангоме мо мехонем, ки Ӯ *дар ҳама чиз аввалин аст,* ба худ савол додан меарзад: «Оё Ӯ дар ҳаёти ман аввалин аст?»

**1,19** Дарби ояти 19-ро чунин тарҷума мекунад: «Зеро ки дар Ӯ тамоми пуррагии илоҳӣ бо шодӣ сокин аст». Дар тарҷумаҳои дигари Навиштаи Муқаддас ин ибораро чунин фаҳмидан мумкин аст, ки дар як лаҳзаи вақт *Худо* хост тамоми пуррагиро ба Писар ато кунад. Маънии ҳақиқии ин ибора дар он аст, ки *пуррагии* илоҳӣ ҳамеша дар Масеҳ буд.

Бидъаткорон-гностикҳо мегуфтанд, ки Масеҳ чизе ба монанди «меҳмонхона дар нимароҳ» ба Худо, ҳалқаи зарурӣ дар занҷир буд. Вале дар пеш ҳалқаҳои дигари беҳтарин ҳастанд. «Ба пеш, аз Ӯ пештар рафтанро давом диҳед, – бовар мекунониданд онҳо, – ва шумо ба пуррагӣ мерасед». «Не,» – ҷавоб медиҳад Павлус, – «Масеҳ Худ пуррагии мутлақ аст».

Ҳар гуна пуррагӣ дар Масеҳ *сокин мебошад.* Сокин мебошад яъне доимо ҳаст,[8] на ин ки муваққатан мефароояд.

**1,20** Ояти 19 бо ояти 20 ба ин тариқ алоқаманд аст: «Чунки Падар хост *ба воситаи Ӯ* (Масеҳ) *ҳама чизро бо Худ оштӣ дода, бо хуни салиби Ӯ осоишро падид оварад»*. Дигар хел карда гӯем, хости Худо на танҳо дар он буд, ки тамоми пуррагӣ дар Масеҳ сокин бошад (о. 19), балки ҳамчунин дар он, ки Масеҳ *ҳама чизро* бо Ӯ *оштӣ диҳад.*

Дар ин боб ду оштӣ зикр гардидааст: 1) оштӣ додани чизҳо («ҳама *чиз»,* о. 20) ва 2) оштӣ додани одамон (о. 22). Аввалин ҳанӯз кори оянда аст, дар ҳоле ки дуюмӣ барои онҳое ки ба Масеҳ имон овардаанд, дар гузашта аст.

---

## ОШТӢ

Оштӣ шудан – барқарор намудани муносибатҳои дутарафаи дуруст, ё меъёрҳо, ё сулҳ бастан бо касест, ки шумо бо вай душманӣ доштед. Навиштаи Муқаддас дар ҳеҷ ҷой намегӯянд, ки Худо муҳтоҷи оштӣ бо одам аст; одам муҳтоҷи оштӣ бо Худост. Андешаҳои ҷисмонӣ душманӣ ба Худост (Рум. 8,7), бинобар ин одам муҳтоҷи оштӣ бо Ӯст.

Вақте ки гуноҳ ба дунё омад, одам ба Худо бегона шуд. Ӯ нисбат ба Худо мавқеи душманонаро ишғол намуд. Бинобар ин ӯ ба оштӣ кардан эҳтиёҷ дошт.

Вале гуноҳ на танҳо ба насли одамӣ, балки ба ҳамаи офаридаҳо осеб расонд.

1. Дар гузашта баъзе фариштаҳо гуноҳ карданд. (Аммо дар Каломи Худо ҳеҷ ишорате нест, ки онҳо ягон вақт муносибатҳои пешинаи худро бо Худо барқарор мекарда бошанд. Худованд онҳоро «дар қайду банди абадӣ, дар зулмот, барои доварии рӯзи бузург» нигоҳ медорад, Яҳ. 6). Дар Айюб 4,18 Алифоз мегӯяд, ки Худо дар фариштагони Худ ҳам нуқсон меёбад.
2. Омадани гуноҳ ба олами ҳайвонот низ таъсир расонд: «Зеро офариниш бо майли том мунтазири ошкоршавии писарони Худо аст, чунки офариниш на бо ихтиёри худ, балки бо хости фармонравои худ фармонбардори нестшавӣ шудааст... Зеро медонем, ки тамоми офариниш бо ҳам то ҳол менолад ва дарди зоиш мекашад» (Рум. 8,19-22). Он далел, ки ҳайвонҳо дардро ҳис мекунанд, касал мешаванд ва мемиранд, исбот мекунад, ки онҳо ҳам аз лаънати гуноҳ наҷот наёфтаанд.
3. Баъд аз гуноҳ кардани Одам замин ҳам аз тарафи Худо лаънат карда шуд (Ҳас. 3,17). Алафҳои бегона, хорҳо ва хори каррок далели он мебошанд.
4. Дар Китоби Айюб Билдод ба мо мегӯяд, ки ҳатто ситорагон дар назари Ӯ пок нестанд (Айюб 25,5); эҳтимол, гуноҳ ба олами ҷирмҳои осмонӣ ҳам дахл кард.
5. Дар Ибриён 9,23 гуфта шудааст, ки худи осмон ба покшавӣ эҳтиёҷ дошт. Мо ҳамаи он чиро, ки бо ин суханон дар назар дошта мешавад, намедонем, аммо, эҳтимол, ин ибора дар назар дорад, ки осмон бо ҳузури шайтон, ки ӯ ба назди Худо чун айбдоркунандаи бародарон ҳозир мешуд, нопок гардида буд (Айюб 1,6.7; Ваҳй 12,10). Баъзе илоҳиётшиносон чунин мешуморанд, ки дар ин порчаҳо манзили Худо дар назар дошта шудааст, дигарон тахмин мекунанд, ки олами ситорагон дар назар дошта шудааст. Онҳо дар назар доранд, ки шайтон маҳз дар олами ситорагон дар назди Худо ҳозир мешавад. Дар ҳар ҳолат ҳама бо он розианд, ки худи тахти Худо ба ҳеҷ ваҷҳ бо гуноҳ нопок нагардидааст.

Яке аз мақсадҳои марги Масеҳ имконпазир намудани оштии одамон ва тамоми олам бо Худо аст. Барои ин Ӯ мебоист сабаби душманӣ ва бегонашавиро бартараф мекард. Ӯ мушкили гуноҳро бо қаноатмандии пурраи Худо ҳал намуда, аз уҳдаи ин супориш хеле хуб баромад.

Ҳудуди оштӣ додан дар Кулассиён 1 ба ин тариқ нишон дода шудааст: 1) Ҳамаи онҳое ки ба Худованд Исои Масеҳ имон доранд, аллакай бо Худо оштӣ шудаанд (о. 21). Ҳарчанд меҳнати оштидиҳандаи Масеҳ барои тамоми инсоният кофист, он танҳо барои он шахсон ҳақиқист, ки худашон истифода бурдани онро қарор медиҳанд. 2) Дар охири замонҳо ҳама чиз бо Худованд оштӣ мешавад – осмонӣ ва заминӣ (о. 20). Ин ба олами ҳайвонот ва ба чизҳои беҷон, ки бо гуноҳ нопок шуда буданд, дахл дорад. Аммо ин ба шайтон ва дигар фариштаҳои бадкирдор ва инчунин ба одамони беимон дахл надорад. Навишта дар бораи абадан лаънатзада будани онҳо аниқ мегӯяд.

Дар бораи он ки оштӣ ба «чизҳои зери замин» паҳн мешавад, ҳеҷ чиз гуфта намешавад. Дар байни оштӣ шудан ва мутеъ кардан фарқ ҳаст. Охирин дар Филиппиён 2,10 тасвир ёфтааст: «То ки ба номи Исо ҳар зонуе ки дар осмон ва бар замин ва зери замин аст, хам шавад». Ё чунон ки Дарбӣ инро тарҷума мекунад: «... мавҷудоти биҳиштӣ, заминӣ ва дӯзахӣ». Ҳамаи мавҷудоти офаридашуда, ҳатто фариштаҳои бадкирдор, оқибат маҷбур хоҳанд шуд дар назди Худованд Исо зону зананд, вале ин онро ифода намекунад, ки Ӯ онҳоро бо Худ оштӣ медиҳад. Мо инро таъкид мекунем, чунки кулассиён 1,20-ро чун тасдиқи таълимоти бардурӯғ оид ба наҷоти умумӣ истифода бурданд: гӯё дар оқибат Худо ҳам худи шайтонро, ҳам фариштаҳои бадкирдорро, ҳам одамони беимонро бо Худ оштӣ медиҳад. Порчаи мо ҳудуди оштӣ доданро бо ибораи «заминӣ ва осмонӣ» маҳдуд мекунад. Он чиро, ки дар зери замин аст, ё олами дӯзахро он дар бар намегирад.

**1,21** Павлус ба кулассиён ёдрас мекунад, ки оштӣ шудани онҳо аллакай рӯй додааст. То замони бозгашт кардани худ кулассиён бутпарастони гуноҳгор буданд, ки дар ақлҳои худ аз сабаби *корҳои бад* ба Худо *бегона ва душман* (Эфс. 4,17.18) ҳастанд. Онҳо ба оштӣ шудан бисёр муҳтоҷ буданд ва Худованд Исои Масеҳ меҳрубонии беандоза нишон дода, ташаббусро ба Худ гирифт.

**1,22** Ӯ онҳоро *дар бадани ҷисмонии Ӯ ба воситаи марги Ӯ оштӣ дод.* Оштӣ на бо ҳаёти Масеҳ, балки бо *марги* Ӯ ба амал омад. Ифодаи *«бадани ҷисмонии Ӯ»* онро ифода мекунад, ки Худованд Исо маргро дар салиб дар *бадани* муқаррарии одамӣ (на чун махлуқи рӯҳонӣ, чунон ки гностикҳо мегуфтанд) қабул намуда, оштиро ба амал овард. Бо Ибриён 2,14-16 муқоиса намоед, ки дар он ҷо одамшавии Масеҳ барои наҷот зарур эълон карда мешавад. Назарияи гностикҳо инро рад мекард.

Натиҷаи олидараҷаи оштӣ бо суханони зерин ифода мешавад: ... *то шуморо назди Худ муқаддас ва бе айбу нуқсон ҳозир кунад.* То чӣ андоза меҳрубон аст Худованд дар он ки гуноҳгоронро аз банди зиндагии пургуноҳи пешинаи онҳо халос карда, ба манзили файз мебарад.

Ч. Р. Эрдман бисёр хуб гуфтааст: *«Дар Масеҳ мо Худоро, ки ба мо наздик аст, ба мо ғамхорӣ мекунад, моро мешунавад, дилсӯзӣ мекунад ва моро наҷот медиҳад, меёбем».*[9]

Нақши оштидиҳандаи Масеҳ нисбати халқи Ӯ ба андозаи пурра дар он рӯзи оянда намудор мешавад, вақте мо дар назди Худо Падар бо гуноҳ олуда нашуда, озод аз ҳар гуна айбдорӣ ҳозир мешавем; он гоҳ мо чун масеҳиён хурсандона Масеҳро ягона сазовор эътироф менамоем (Ваҳй 5).

**1,23** Ин яке аз порчаҳоест, ки бо «агар» ё «ба *шарте* ки»[10] сар мешаванд ва бисёр фарзандони Худоро ба изтироб меандозанд. Дар назари аввал чунин намуданаш мумкин аст, ки дар ин оят ба мустаҳкамии *имони* мо вобаста будани наҷот исбот карда мешавад. Агар ин ҳамин хел бошад, пас ин оят бо дигар порчаҳои Каломи Худо, масалан, бо Юҳанно 10,28-29 чӣ гуна мувофиқат мекунад, ки дар он гуфта шудааст, ки ҳеҷ яке аз гӯсфандони Худо талаф шуда наметавонад?

Пеш аз ҷавоб додан ба ин савол мо аз аввал мехостем таъкид намоем, ки дилпурӣ баояндаи абадии масеҳӣ ҳақиқати пурбаракатест, ки дар саҳифаҳои Аҳди Нав возеҳ эълон карда мешавад. Аммо Навишта ҳамчунин (масалан, чун дар ин оят) таълим медиҳад, ки ба имони ҳақиқӣ устуворӣ хос аст ва касе ки ҳақиқатан аз олами боло зода шудааст, то охир ба Худо содиқ хоҳад буд. Устуворӣ исботи ҳақиқат аст. Албатта, ҳамеша хатари ба гуноҳ афтодан ҳаст, аммо масеҳӣ танҳо барои он меафтад, ки баъд аз нав хезад (Мас. 24,16). Ӯ аз имон рӯ намегардонад.

Рӯҳи Худо дар Каломи Худо ҷойгир намудани чунин «агар»-порчаҳои зиёдеро мувофиқи мақсад шумурд, то ҳақиқӣ будани бозгашт намудани онҳоеро санҷад, ки ба номи Масеҳ имон оварданашонро изҳор менамоянд. Мо ягон чизеро гуфтанӣ нестем, ки гӯшаҳои тези ин порчаҳоро бартараф мекарда бошад. Касе гуфтааст: «Ин *агарҳо* дар Навишта ба пайравони номниҳоди масеҳият дар ин ҷаҳон нигаронида шудаанд; онҳо чун санҷиши фоидаовар барои дилҳои онҳо хизмат мекунанд».

Придҳэм ин оятҳои мураккабро чунин шарҳ медиҳад:

*Навиштаро бо диққат омӯхта, хонанда ошкор менамояд, ки Рӯҳ одатан ҳақиқатҳои аз ҳама амиқ ва аз ҳама мутлақро оид ба файз баён намуда, ҳамзамон огоҳиҳое медиҳад, ки мағлубияти ҳалокатовари онҳоеро дар назар доранд, ки танҳо ба ном имон овардаанд ... Ин огоҳиҳо ба онҳое ки дар бораи имони худ бе ихлос эълон менамоянд, гӯшхарош буда, барои ҷони масеҳии самимӣ марҳами шифобахш мебошанд ... Мақсади ин насиҳат дар имон дилгарм кардан ва ба масеҳиёни дурӯғини беандеша ва худбовар пешакӣ ҳукм баровардан аст.*[11]

Бешубҳа, пеш аз ҳама гностикҳоро дар назар дошта, расул кулассиёнро насиҳат медиҳад, то *аз умеде* ки ҳамроҳи *Инҷил* аст, ё аз *Инҷил* илҳом мегирад, *ҷудо нашаванд.* Онҳо бояд *дар имоне* ки аз Эпафрос омӯхтаанд, *пойдор ва устувор бошанд.*

Павлус аз нав оид ба он мегӯяд, ки Хушхабар *ба тамоми офаридаҳои зери осмон мавъиза карда шудааст* (ё ба ҳамаи офариниш). Хушхабар ба ҳамаи офариниш паҳн мешавад, аммо вай то ҳол ба ҳамаи офаридаҳо бе истисно рафта нарасидааст. Павлус мавъизаи умумиҷаҳонии Хушхабарро шаҳодати ҳақиқӣ будани он мешуморад. Ӯ дар ин исботи онро мебинад, ки он ба эҳтиёҷоти тамоми инсоният

ҷавоб медиҳад. Оят дар назар надорад, ки дар он замон ҳар як одам дар ҷаҳон Хушхабарро аллакай шунида буд. Ин факти иҷрошуда набуд, балки ҷараёни давомкунанда буд. Илова ба ин, Хушхабар дар ҳақиқат ба тамоми ҷаҳони Навиштаи Муқаддас, яъне ба кишварҳои Бахри Миёназамин паҳн гашт.

Павлус бо истифодаи калимаи лотинии «министер», ки «хизматгор»-ро ифода мекунад, худро хизматгузор меномад. Ин калима ба мансабдорон ҳеҷ гуна муносибат надорад ва на кабинети бошукӯҳро, балки асосан хизмати фурӯтанонаро дар назар дорад.

### Г. Супориши махсуси ба Павлус вогузоршуда (1,24-29)

**1,24** Шаш ояти охирини боби 1 хизмати Павлусро тасвир менамояд. Пеш аз ҳама, он дар вазъияти азоб мегузашт. Павлус дар зиндон дар болои номаҳои худ меҳнат карда, гуфта метавонад, ки *алҳол ӯ барои* масеҳиён, яъне бахри онҳо *дар азобҳои* худ *шодмон аст*. Чун хизматгори Худованд Исои Масеҳ, ӯ барои аз сар гузаронидани душвориҳои фавқулода, таъқибот ва *андӯҳ* даъват шуда буд. Барои ӯ ин шараф буд, шарафи *пур кардани* камии *андӯҳҳои Масеҳ* буд. Расул бо ин чӣ гуфтан мехоҳад? Пеш аз ҳама, суханони ӯ ба азобҳои наҷотдиҳандаи Худованд Исо дар салиб дахл дошта наметавонанд. Онҳоро Ӯ танҳо як маротиба аз сар гузаронида буд ва ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ дар онҳо шарик шуда наметавонист. Аммо ба маънои муайян Худованд Исо то алҳол азоб мекашад. Вақте ки Шоули Тарсусӣ дар роҳи Димишқ ба замин сарнагун карда шуд, ӯ овози аз осмон ба ӯ мурочиаткунандаро шунид: «Шоул, Шоул! Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ?» Шоул намефаҳмид, ки Худовандро таъқиб менамояд, ӯ танҳо дар таъқиботи масеҳиён иштирок карда буд. Аммо ӯ фаҳмид, ки масеҳиёнро таъқиб намуда, ӯ Наҷотдиҳандаи онҳоро таъқиб менамояд. Сарвар дар осмон азоби баданро дар замин ҳис менамояд.

Ҳамин тариқ, расул Павлус азобҳоеро, ки масеҳиён бояд бахри Худованд Исо аз сар гузаронанд, як қисми азобҳои давомкунандаи Масеҳ мешуморад. Онҳо барои росткорӣ, барои Ӯ (шармандагии Ӯро бардошта) ва барои Хушхабар азоб мекашанд.

Аммо ифодаи *«андӯҳҳои Масеҳ»* на танҳо ба азобҳо барои Масеҳ дахл дорад. Вай ҳамчунин азобҳоеро тасвир мекунад, ки ба он чи Наҷотдиҳанда дар замин тоб овард, монанданд, агарчи на он қадар сахт ҳастанд.

Азобҳои *дар ҷисм* аз сар гузаронидаашро расул *барои Бадани* Масеҳ ва маҳз барои Ҷамоат аз сар гузаронд. Азобҳои одамони наҷотнаёфта ба маъное бемақсаданд. Дар онҳо бузургӣ нест. Онҳо танҳо чашидани пешакии азобҳои дӯзахе мебошанд, ки ҷовидона давом мекунанд. Азобҳои масеҳиён чунин нестанд. Вақте ки онҳо бахри Масеҳ азоб мекашанд, Ӯ ҳақиқатан бо онҳо азоб мекашад.

**1,25** *Ки ман хизматгузори он гардидаам.* Павлус ин суханонро аллакай ҳангоми ба охир расонидани ояти 23 истифода бурд. Акнун ӯ онро такрор мекунад. Аммо дар байни онҳо фарқ ҳаст. Хизмати расул дутарафа буд: аввалан, ба ӯ вазифаи миссионерӣ вогузор шуда буд (о. 23), сониян, вай барои он фиристода шуда буд, ки оид ба сирри бузурги Ҷамоат мавъиза намояд (о. 25). Дарси ибрат ба ҳар як хизматгори ҳақиқии Масеҳ дар ҳамин аст. Мо бояд на танҳо ба одамон мавъиза намуда, онҳоро назди Масеҳ оварем, ва баъд онҳоро ба ихтиёри худ монем. Не, мо бояд кӯшиши худамонро дар кори миссионерӣ ба бунёд намудани ҷамоатҳои маҳаллии инҷилие равона созем, ки дар он ҷо навимонон метавонанд дар имон, ки ҳамчунин ҳақиқатро оид ба Ҷамоат дар бар мегирад, устувор гарданд. Худованд мехоҳад, то кӯдакони навзоди Ӯро ба «пункти ғизодиҳӣ» фиристанд, ки дар он ҷо онҳо ғизо мегиранд ва ба воя расида метавонанд.

Ҳамин тариқ, дар куласиён 1 мо мебинем: 1) афзалияти дутарафаи Масеҳ, 2) оштии дутарафаи Масеҳ ва 3) хизмати дутарафаи Павлус. Дар ин ҷо, дар ояти 25, «ки *ман хизматгузори он гардидаам»* гуфта, Павлус на кори Хушхабарро, балки хизмати худро дар Ҷамоат дар назар дорад. Ин аз ибораи баъдина аён аст: *мувофиқи коргузории Худо, ки барои шумо ба ман ато шудааст.* Ваколатдор (мудир) шахсест, ки барои молу мулки шахси дигар ғамхорӣ мекунад. Павлус ба он маънӣ мудир буд, ки ба ӯ ба тарзи махсус ҳақиқати бузурги ҷамоат супорида шуда буд. Ҳарчанд сирри Бадани Масеҳ на танҳо ба як худи ӯ ошкор шуда буд, бо вуҷуди он маҳз ӯ барои ба ғайрияҳудиён расондани ин ҳақиқати

гаронбаҳо интихоб шуда буд. Вай мавқеи махсуси Ҷамоатро нисбати Масеҳ, қонунҳои сохтмони он, умедҳо ва сарнавишти он ва бисёр ҳақиқатҳои дигареро, ки ба ҳаёти Ҷамоат дахл мекунанд ва он тартиберо, ки Масеҳ ба Павлус ва дигар расулон васият кардааст, дар бар мегирад.

*«Барои шумо ба ман ато шудааст»* гуфта, ӯ оид ба кулассиён чун дар бораи ғайрияҳудиёни масеҳӣ фикр мекунад. Расул Петрус барои ба яҳудиён расондани Хушхабар фиристода шуда буд, дар ҳоле ки ба Павлус вазифаи ба ин монанд дар байни ғайрияҳудиён вогузор шуда буд.

Яке аз мураккабтарин ифодаҳо дар ин боб ин аст *ки каломи Худоро ба ҷо оварам* (дар нусхаи асл чунин аст, агарчи дар тарҷумаи тоҷикӣ калимаи «мавъиза» илова шудааст). Павлус маҳз чиро дар назар дорад? Пеш аз ҳама мо медонем, ки ӯ ба Каломи Худо китоби охиринро илова карда, пурра кардани онро дар назар надорад. Чунон ки мо медонем, китоби охирини ба навиштаҳои Аҳди Нав иловашударо – китоби Ваҳйро Юҳанно навиштааст. Пас, бо кадом маъно Павлус *«каломи Худоро»* ба ҷо овард?

*Ба ҷо овардан,* пеш аз ҳама, эълон кардан, маълум намуданро ифода карда метавонад. Ҳамин тарз Павлус тамоми хости Худоро хабар медод. Сониян, мо тахмин мекунем, ки ӯ Каломи Худоро аз нуқтаи назари таълимот ба охир расонид. Ҳақиқати бузург оид ба сирр тоҷи ваҳйи Аҳди Нав аст. Вай ба маънии аслӣ силсилаи мавзуъҳоеро, ки Аҳди Нав ба он дахл мекунад, ба охир мерасонад. Ҳарчанд китобҳои дигар нисбат ба китобҳои Павлус баъдтар навишта шуда буданд, бо вуҷуди ин, онҳо ягон сирри бузурги имонро, ки дар асарҳои расул Павлус ёфта натавонем, надоранд. Ваҳйҳое ки ба сирри Ҷамоат дахл доранд, Каломи Худоро ба маънои аслӣ мукаммал мегардонанд ва ба анҷом мерасонанд. Ҳамаи иловаҳои баъдина ҳақиқати нав набуданд.

**1,26** Мувофиқи ин оят, Каломи Худоро ба ҷо овардани Павлус бо *сирре* алоқаманд аст, ва маҳз бо *он сирре ки асрҳои аср аз наслҳо ниҳон буд ва ҳоло ба муқаддасони Ӯ ошкор шудааст.* Дар Аҳди Нав сирр ҳақиқатест, ки пеш аз ин ниҳон буд ва алҳол ба одамон ба василаи расулон ва пайғамбарони Аҳди Нав ато шудааст. Ин ҳақиқатест, ки одам ҳеҷ гоҳ бо ақли худ ба он расида наметавонист, ҳақиқатест, ки онро Худованд марҳамат карда ба ӯ кушод.

Дар Аҳди Нав оятҳои монанди ин бисёранд, ва онҳо изҳор мекунанд, ки ҳақиқат оид ба Ҷамоат дар замонҳои Аҳди Қадим маълум набуд. Он *асрҳои аср аз наслҳо ниҳон* буд (Эфс. 3,2-13; Рум. 16,25-27). Ҳамин тариқ, он изҳороте ки гӯё Ҷамоат дар замонҳои Одам ё Иброҳим ташкил ёфтааст, нодуруст аст. Ибтидои Ҷамоат рӯзи Пантикост аст ва ҳақиқат оид ба Ҷамоат ба василаи расулон кушода шудааст. Ҷамоати Аҳди Нав на худи ҳамон чизест, ки Исроил дар Аҳди Қадим буд. Монанди он ҳеҷ гоҳ пеш аз ин вуҷуд надошт.

Ибтидои хонаи Исроил ҳамон вақт гузошта шуда буд, ки Худованд Иброҳимро аз шаҳри Ури Калдониён даъват намуда, аз ҳамаи халқҳои боқимонда, ки онҳоро дар гуноҳ ва бутпарастӣ гузошт, ҷудо кард. Аз зурриёти Иброҳим Ӯ халқи аз ҳамаи дигар халқҳо фарқкунанда ва аз онҳо ҷудоро ба вуҷуд овард. Ҷамоат бошад, баръакс иттиҳоди масеҳиёни тамоми нажодҳо ва миллатҳо дар як бадан мебошад, ки аз ҳамаи боқимондаҳо ахлоқан ва рӯҳан ҷудо карда шудааст. Давоми Исроил набудани Ҷамоатро аз як қатор мисолҳо фаҳмидан мумкин аст, ки яке аз онҳо тимсоли «зайтун» аст, ки Павлус дар Нома ба Румиён 11 истифода мебарад, то нишон диҳад, ки халқи Исроил мустақилии худро нигоҳ медорад, гарчанде ҳар яҳудие ки ба Масеҳ бовар кардааст, як қисми Ҷамоат мегардад (Кул. 3,10.11).

**1,27** Моҳияти ин *сирро* бо ин хулоса кардан мумкин аст:

1. Ҷамоат Бадани Масеҳ аст. Ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ аъзои ин Бадан ҳастанд, ва ба онҳо насиб шудааст, ки ҷалоли абадии Масеҳро бо ҳам бинанд.
2. Худованд Исо Сари Бадан аст, ки ҳаёт, ғизогирӣ ва роҳбарии онро таъмин менамояд.
3. Ба Ҷамоат ҳамроҳ шуда, яҳудиён ҳеҷ гуна афзалият надоранд, ҳамчунин ғайрияҳудиён ҳам дар мавқеи номуносиб намебошанд. Ҳам яҳудӣ, ҳам ғайрияҳудӣ имон оварда, аъзои Бадан мегарданд ва як одами навро ба вуҷуд меоваранд (Эфс. 2,15; 3,6). Наҷот ба даст овардани ғайрияҳудиён дар Аҳди Қадим ҳақиқати ниҳонӣ набуд, вале аъзоёни баробарҳуқуқи Бадани Масеҳ шудани ғайрияҳудиёни

бозгашткарда барои бо ҳам дидани ҷалоли Ӯ ва якҷоя бо Ӯ ҳукмронӣ кардан ҳақиқатест, ки пеш маълум набуд.

Яке аз ҷанбаҳои сирре ки Павлус дар ояти 27 зикр менамояд, чунин аст: Худованд Исо мехоҳад дар дилҳои ғайрияҳудиён бошад. *Масеҳ дар шумо ва умеди ҷалол аст.* Ин ба кулассиён гуфта шудааст, ки онҳо яҳудӣ набуданд. Ф. Б. Мейер хитоб мекунад: «Дар дилҳои фарзандони Иброҳим будани Ӯ лутфу марҳамати бузург ба ҳисоб мерафт, вале дар дилҳои ғайрияҳудиён ҷой ёфтани Ӯ аз ақл берун буд». Ба ҳар ҳол маҳз ҳамин чиз сирро ташкил медод: «... ки халқҳо дар Масеҳ ба воситаи Инҷил дар мерос ва дар бадан ва дар баҳрамандӣ аз ваъдаи Ӯ шариканд» (Эфс. 3,6). Муҳим будани ин ҳақиқатро таъкид кардан хоста, расул на танҳо «ин сирр» ё «ҷалоли ин сирр», балки *сарвати ҷалоли ин сирр аст,* мегӯяд. Ӯ таъсирро ба хонандагон тақвият дода, калима аз пайи калима шадда мекунад ва таъкид менамояд, ки ин ҳақиқати бузург диққати ҷиддитаринро сазовор аст.

*Он Масеҳ дар шумо ва умеди ҷалол аст.* Будани ҳамешагии Масеҳ *умеди ҷалол* барои масеҳист. Мо, ба ғайр аз Худи Наҷотдиҳанда, дигар ҳеҷ гуна рухсатнома ба осмон надорем. Дар мо будани Ӯ барои мо осмонро дастрас мегардонад, чунон ки агар мо аллакай он ҷо мебудем.

**1,28** Ифодаи *«ва Ӯро мо мавъиза менамоем»* бениҳоят муҳим аст. Ҷонишини *«Ӯро»,* албатта, ба Худованд Исои Масеҳ дахл дорад (о. 27). Павлус мегӯяд, ки дар бораи Шахсият мавъиза мекунад. Ӯ ба сиёсат ё фалсафа вақт сарф намекард, балки ба Худи Худованд Исо диққаташро равона мекард, зеро медонист, ки масеҳият Масеҳ аст. *Ба ҳар кас насиҳат медиҳем ва ба ҳар кас бо ҳар ҳикмат ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар Масеҳ Исо комил гардонда ҳозир кунем.* Дар ин ҷо мо аз моҳияти хизмати расули дӯстдошта боз амиқтар воқиф шуда метавонем. Ин хизмат аз одам ба одам аст. Ӯ беимононро оид ба ғазаби ояндаи Худо меогоҳонид ва масеҳиёнро ба ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳӣ равона мекард.

Мо ҳамчунин мебинем, ки Павлус ба ғамхорӣ оид ба навимонон чӣ гуна таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ӯ барои шахсоне ки ба онҳо роҳ ба Наҷотдиҳандаро нишон дод, ҷавобгарӣ ҳис мекард. Ӯ бо он қаноат намекард, ки ҷонҳоро наҷот диҳад ва баъд ба пеш равад. Ӯ мехост *ҳар касро дар Исои Масеҳ комил гардонида ҳозир кунад.* Павлус оид ба худ чун дар бораи коҳини ба Худо қурбонӣ меоварда сухан меронад. қурбонӣ дар ин ҷо мардон ва занон мебошанд. Онҳоро чӣ гуна ба Худованд пешниҳод менамояд – заиф ё тамоман кӯдак дар Масеҳ? Не, ӯ мехоҳад, ки онҳо масеҳиёни болиғ, ба камол расида ва дар ҳақиқат устувор бошанд. Оё мо низ барои он шахсоне ки назди Масеҳ овардем, чунин ҷавобгарӣ ҳис мекунем?

**1,29** Маҳз барои ба ин мақсад расидан расул Павлус дар баробари дигар расулон меҳнат мекард. Вале Ӯ мефаҳмид, ки инро на бо қуввати худ мекунад, балки *бо қуввати Ӯ,* ки *дар ӯ бо қудрат* амал мекард. Дигар хел карда гӯем, ӯ мефаҳмид, ки танҳо ба туфайли қуввае ки Ӯ ба вай ато намуд, ба Худованд хизмат карда метавонад. Ӯ дарк мекард, ки Худованд *дар ӯ бо қудрат амал мекард,* вақте ки ӯ ҷамоат бунёд карда ва масеҳиёнро ғизои рӯҳонӣ дода, аз шаҳр ба шаҳр мегузашт.

Оятҳои 28 ва 29 дар тарҷумаи Филлипс махсусан фаҳмо мебошанд:

*Инак, табиист, ки мо дар бораи Масеҳ мавъиза мекунем. Мо ҳар каси дар роҳ вомехӯрдаро огоҳ мекунем ва ба ҳама касоне ки метавонем, ҳама чизеро, ки оид ба Ӯ медонем, нақл мекунем, то ки агар мумкин бошад, ҳар як одамро то камолоти пурра дар Масеҳ расонем. Ман ҳамеша бо истифодаи тамоми қуввате ки Худо ба ман медиҳад, маҳз баҳри ҳамин меҳнат мекунам.*

## Ғ. Пуррагии Масеҳ дар муқобили хатарҳои фалсафа, риёкорӣ, тасаввуф ва гӯшанишинӣ (2,1-23)

**2,1** Ин оят бо ду ояти охирини боби 1 робитаи зич дорад. Дар онҳо расул Павлус он ҷидду ҷаҳдеро, ки ба кор мебарад, тасвир менамуд, то ба василаи панд додан ва мавъиза намудан ҳар як масеҳиро ба камолот дар Масеҳ оварад. Дар ин ҷо бошад оид ба дигар хел ҷидду ҷаҳд сухан меравад. Онҳо чун *ҷидду ҷаҳди* дуоӣ тасвир карда мешаванд. Ва ин *ҷидду ҷаҳд* баҳри шахсоне ки ӯ онҳоро ҳеҷ гоҳ вонахӯрда буд, ба ҷо оварда мешавад. Аз рӯзи аввалин, ҳамин ки ӯ дар бораи кулассиён шунид, ӯ оид ба онҳо ва инчунин *барои касоне* ки дар шаҳри ҳамсояи

*Лоудикия* мезистанд ва оид ба масеҳиёни дигар, ки бо онҳо ӯ алҳол вонахӯрдааст, дуо мегуфт (ниг. Ваҳй 3,14-19, ки дар он ҳолати ғамангези ҷамоати маҳаллӣ тасвир карда мешавад).

Ояти 1 тасалло барои шахсонест, ки ҳеҷ гоҳ имконияти ба амал овардани хизмати ҷамъиятиро надоштанд. Мувофиқи ин оят, мо набояд бо он чи дар ҳузури одамон карда метавонем, маҳдуд шавем. Мо ба Худованд дар оромии хонаҳои худ, зону зада, хизмат карда метавонем. Агар хизмати мо дар пеши назарҳо бошад, таъсирбахшии он ба андозаи зиёд ба дуоҳои хилватнишинонаи мо вобаста аст.

**2,2** Дар ин ҷо мазмуни аниқи дуои Павлус баён карда шудааст. Қисми якуми дуо чунин садо медиҳад: *то ки дилҳои онҳо тасаллӣ ёбанд*. Ба ҷонҳои кулассиён таълимоти гностикҳо таҳдид мекард. Бинобар ин *тасаллӣ ёфтан* дар ин ҷо дар имон устувор гардиданро ифода мекунад.

Дар қисми дуюми дуо Павлус илтимос мекунад, ки онҳо *дар муҳаббат пайванд шаванд*. Агар масеҳиён дар бародарии пур аз хушбахтӣ ва муҳаббат зиндагӣ кунанд, ба ҳамлаҳои шадиди душманон муқовимати тавоно карда метавонанд. Инчунин агар дилҳои онҳо бо муҳаббат ба Масеҳ гарм карда шаванд, Ӯ ба онҳо ҳақиқатҳои аз ин ҳам амиқтарро мекушояд. Сирҳои Худро ба онҳое ки ба Ӯ наздиканд, кушодани Худованд принсипи хеле маълуми Навишта аст. Юҳанно, масалан, он расуле буд, ки бар сандуқи синаи Исо такя мекард ва ин тасодуф нест, ки ваҳйи бузурги Исои Масеҳ маҳз ба ӯ дода шуда буд.

Сипас Павлус дуо мегӯяд, ки онҳо *ба ҳар сарвати фаҳми дилпурона* ворид шуда тавонанд. Онҳо ҳар қадар ба имони масеҳӣ амиқтар ворид шаванд, ба ҳамон андоза ба ҳақиқӣ будани он мустаҳкамтар бовар хоҳанд кард. Ва масеҳиён ҳар қадар бештар дар имон устувор гарданд, ба ҳамон андоза хатари он ки онҳоро таълимотҳои бардурӯғи ҳамзамонашон аз роҳи ҳақиқӣ дур мебаранд, кам мешавад.

Дар Аҳди Нав ифодаи бовари «комил», ё «пурра» се бор кор фармуда мешавад. 1) Имони комил – мо ба Каломи Худо, ваҳйи Ӯ умед мебандем (Ибр. 10,22). 2) Фаҳми дилпурона – мо медонем ва мо эътимод дорем (Кул. 2,2). 3) Умеди комил – мо ба пеш равона шуда, ба натиҷа эътимод дорем (Ибр. 6,11).

Авҷи аълои дуои Павлус суханони зерин мебошанд: *то сирри Худои Падар ва Масеҳро донанд*. Ӯ чун пештара ҳақиқат дар бораи Ҷамоатро дар назар дорад: Масеҳ Сари Бадан аст, ҳамаи масеҳиён бошанд аъзоҳои Бадан. Вале ӯ яке аз ҷанбаҳои ин сирро махсус зикр мекунад – сарварии Масеҳро. Ӯ барои он ғамхорӣ мекунад, ки масеҳиён ин ҳақиқатро эътироф намоянд. Ӯ медонад: агар онҳо бузургии Сарвари худро дарк кунанд, онҳоро гноститсизм ё дигар таълимотҳои бардурӯғи ба ҷонҳои онҳо таҳдидкунанда аз роҳ намезананд.

Павлус мехоҳад, ки муқаддасон аз ёрии Масеҳ истифода кунанд, имкониятҳои Ӯро истифода баранд, ҳангоми ҳар гуна эҳтиёҷмандӣ ба Ӯ муроҷиат намоянд. Чунон ки Алфред Мейс инро тасвият медиҳад, ӯ мехоҳад онҳо бинанд, ки Масеҳ

*... дорои ҳама аломатҳои илоҳӣ ва сарватҳои беинтиҳо, тасвирнопазир ва беҳад буда, дар халқи Худ мебошад ва бинобар ин онҳоро ҳеҷ эҳтиёҷе нест, ки ягон чизро берун аз Ӯ ҷустуҷӯ кунанд. «Ки ба онҳо Худо таваҷҷуҳ намуда огоҳӣ дод, ки САРВАТИ ҷалоли ИН СИРРО барои халқҳо огоҳӣ диҳам, ва он сир ин аст, ки МАСЕҲ ДАР ШУМО ва умеди ҷалол АСТ» (Кул. 1,27). Ин ҳақиқати бо тамоми қудраташ даркшуда подзаҳри боэътимодест аз такаббури лоудикиягӣ, илоҳиёти мулоҳизакорона, дини анъанавӣ, гирифторони девҳои медиумҳои симиёӣ ва дигар ягон шакли мухолифат ё фиреб.*[12]

**2,3** *Дар* Масеҳ *ҳамаи ганҷҳои ҳикмат ва дониш ниҳон мебошанд*. Гностикҳо, албатта, бо фаҳмише ки аз ҳама чизи дар саҳифаҳои ваҳйи Илоҳӣ ёфт мешуда хеле бартарӣ дорад, фахр мекарданд. Хиради онҳо он чизеро, ки дар Масеҳ ё масеҳият ёфтан мумкин аст, пурра мекард. Аммо ин ҷо Павлус мегӯяд, ки *ҳамаи ганҷҳои ҳикмат ва дониш* дар Масеҳ, дар Сарвар, *ниҳон мебошанд*. Бинобар ин ҳеҷ заруратe нест, ки масеҳиён аз ҳудуди он чи дар Навишта дарҷ ёфтааст, берун бароянд. *Ганҷҳо* дар Масеҳ аз беимонон пинҳонанд, ва ҳатто масеҳӣ барои ворид шудан ба он бояд Масеҳро аз наздик донад.

*Масеҳ дар масеҳӣ ҳамчун Сарвар, манбаъ ва сарчашмаи қувва сокин аст. Ба шарофати беҳудуд будани ганҷҳои дарknaшавандаи Худ, ғановати бузургии беинтиҳои Худ; ба шарофати илоҳияти Худ, ба шарофати ҳама чизи*

*анҷомдодааш – офариниш ва наҷот; ба шарофати сифатҳои шахсии ахлоқии аз тарафи умум эътирофшудаи Худ Ӯ як лашкари профессорон, нависандагон, медиумҳо, мунаққидон ва ҳамаи онҳоеро, ки бар зидди Ӯ муттаҳид шудаанд, танг карда мебарорад.*

Дар ин оят бештар аз он чи ба назар аён аст, маҳфуз аст. Ҳамаи *дониш* дар Масеҳ аст. Ӯ таҷассуми ҳақиқат аст. Ӯ гуфтааст: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳақиқат ҳастам». Ва ҳеҷ чизи ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ бо суханони Ӯ ва ё ба корҳои Ӯ мухолиф нахоҳад буд. Фарқ байни *ҳикмат* ва *дониш* аксаран чунин фаҳмонида мешавад: *Дониш* фаҳмидани ҳақиқат аст, дар ҳоле ки *ҳикмат* – ба кор бурда тавонистани донише ки аз худ карда шудааст.

**2,4** Азбаски ҳамаи ҳикмат ва ҳамаи дониш дар Масеҳ аст, масеҳиён набояд бо *суханони дилфиребӣ* муаллимони дурӯғин фирефта шаванд. Агар одам дорои ҳақиқат набошад, вай мавъизаи худро моҳирона тартиб дода, пайравонро ҷалб карданӣ мешавад. Бидъаткорон ҳамеша маҳз ҳамин хел мекунанд. Онҳо далелҳоро аз рӯи эҳтимолиятҳо тартиб медиҳанд, ва системаи таълимоти худро дар асоси хулосабарориҳо месозанд. Аммо агар одам ҳақиқати Худоро мавъиза намояд, ба хушсуханӣ ва далелҳои устокорона такя кардан зарур нест. Ҳақиқат худ аз худ далели беҳтарин ба фоидаи худ аст, ва чун шер худаш худашро ҳимоя мекунад.

**2,5** Ин оят нишон медиҳад, ки расул Павлус аз мушкилот ва хатарҳое ки кулассиён бо онҳо рӯ ба рӯ мешуданд, хеле хуб бохабар буд. Ӯ худро чун сарлашкаре тасвир мекунад, ки лашкари барои тафтиш сафбастаро аз назар мегузаронад. Калимаҳои *«тартиб»* ва *«пойдорӣ»* – истилоҳоти ҳарбӣ мебошанд. Аввалин сафи сипоҳиёнро, дуюмӣ бошад ҷаноҳи муттафиқи аз онҳо ташаккулёфтаро тасвир менамояд. Павлус (агарчи на бо чашми ҷисмонӣ, балки бо чашми ботинӣ) Каломи Худоро устуворона пайравӣ кардани кулассиёнро дида, шодӣ мекунад.

**2,6** Баъдтар ӯ ба онҳо давом додани ҳамон роҳро маслиҳат медиҳад, ки онҳо аз аввал бо он рафтанд, яъне роҳи имон. *Пас, чӣ тавре ки Масеҳ Исои Худовандро қабул кардаед, дар Ӯ рафтор намоед.* Дар ин ҷо задаи маънӣ, зоҳиран, ба калимаи *«Худованд»* меафтад. Ба ибораи дигар, онҳо эътироф намуданд, ки тамоми пуррагӣ дар Ӯст. Дар Ӯ на танҳо барои наҷот, балки барои зиндагии масеҳии онҳо ҳам ҳама чиз буд. Ана барои чӣ Павлус масеҳиёнро ба давом додани эътирофи бартарияти Масеҳ моил мекунад. Онҳо набояд таълимоти одамонро, агарчи эътимоднок тобанд ҳам, қабул намуда, аз Ӯ рӯ гардонанд. Аксаран «рафтор намудан» ё «қадамгузор будан» ҳаёти масеҳиро тасвир мекунад. Он амал ва ба пеш равона шуданро дар назар дорад. Қадамгузор будан ва дар айни ҳол дар худи ҳамон ҷой мондан ғайриимкон аст. Дар зиндагии масеҳӣ ҳам чунин рӯй медиҳад: мо ё ба пеш меравем, ё ба ақиб.

**2,7** Павлус дар ибтидо истилоҳи кишоварзиро истифода мебарад ва баъд истилоҳи соҳаи меъмориро. Калимаи *«реша давонда»* ба он ёдрас менамояд, ки ҳангоми бозгашт кардани мо чӣ рӯй додааст. Худованд Исои Масеҳ гӯё замин аст ва мо, аз Ӯ ғизо гирифта, ба он решаҳои худро медавонем. Дар ин ҷо зикр карда мешавад, ки чӣ андоза муҳим аст, то решаҳои мо ба замин чуқур раванд ба он андоза чуқур, ки ҳангоме боди мухолиф вазад, мо тоб оварда тавонем (Мат. 13,5.20.21).

Баъд Павлус тимсоли биноро истифода мебарад: *дар Ӯ бино ёфта.* Дар ин ҷо Худованд Исо ба таҳкурсӣ монанд карда мешавад, ки ҳамаи мо бар он чун бар харсанги абадӣ бунёд ёфтаем (Луқ. 6,47-49). Мо барои ҳамеша дар Ӯ *реша давондаем,* аммо доимо *дар Ӯ бино* мешавем.

*Ва дар имон мустаҳкам шудаед. «Мустаҳкам шудаед»-ро* инчунин чун «собит карда мешавед» тарҷума кардан мумкин аст. Дар назар дошта мешавад, ки ин ҷараёни муттасил давомкунанда дар тули тамоми ҳаёти масеҳӣ мебошад. Ба кулассиён асосҳои масеҳиятро Эпафрос омӯзонд. Ба андозаи он ки онҳо дар роҳи масеҳият пеш мераванд, ин ҳақиқатҳои муҳим дар дилҳо ва ҳаёти онҳо доимо мустаҳкам хоҳанд шуд. Ва баръакс, 2Петрус 1,9 ба он ишорат менамояд, ки набудани пешрафт дар ҳаёти рӯҳонӣ ба шакку шубҳа ва аз даст додани шодӣ ва баракати Хушхабар оварда мерасонад.

Павлус нақлро бо суханони зерин ба охир мерасонад: *шукри зиёде дар он мегӯед.* Ӯ намехоҳад, ки масеҳиён таълимотро танҳо дилсардона, бо ақл дарк намоянд; баръакс, ӯ мехоҳад, ки дилҳои онҳо ба ҳақиқатҳои зебои

Хушхабар мафтун шаванд, то ки онҳо бо ҳамду сано ва шукргузорӣ ба Худованд саршор бошанд. *Шукр гуфтан* барои баракатҳои масеҳият подзаҳри хубест, ки аз заҳри таълимоти бардурӯғ наҷот медиҳад.

Артур Вэй ояти 7-ро чунин баён мекунад: «Ба монанди дарахтон чуқур реша давонед; ҳузури Ӯро дар паҳлуи худ ҳис карда, чун бино ба таҳкурсии мустаҳкам такя намоед; дар имони худ устувор бошед (чунки шумо инро ёд гирифтаед) ва саршори шукргузорӣ бошед».

**2,8** Акнун Павлус тайёр аст бевосита ба он гумроҳиҳо гузарад, ки ба масеҳиён дар водии Ликус, ки Кулассо дар он ҷо ҷойгир буд, таҳдид мекард. *Бохабар бошед (бародарон), ки касе шуморо бо фалсафа ва фиреби пуч асир накунад.* Таълимотҳои бардурӯғ мекӯшанд одамонро аз сарватҳои ҳақиқӣ, ба ивазаш ҳеҷ чизи муҳимро пешниҳод накарда, маҳрум созанд. *Фалсафа* ба маънои аслӣ «муҳаббат ба хирад»-ро ифода мекунад. Он худ аз худ бадӣ намеорад, аммо вақте одам хиради дигареро ба ғайр аз Худованд Исои Масеҳ ҷустуҷӯ мекунад, ба бадӣ табдил меёбад. Бо ин сухан кӯшиши бо ақли худ фаҳмидани он чи танҳо ба василаи ваҳйи Илоҳӣ дарк кардан мумкин аст, баён карда мешавад (1Қур. 2,14). Ва чунин кӯшиш бадист, зеро хиради одамро аз Худо боло мегузорад ва ба офарида нисбат ба Офаридгор зиёдтар ихлос дорад. Он ба либералҳои ҳозиразамон бо маърифатнокӣ ва ратсионализми таърифии онҳо хос аст. Расул таълимоти бардурӯғ ва беарзиши он шахсонеро, ки гӯё ба шумораи ками хабардорон ягон ҳақиқати пинҳониро мекушоянд, *фиреби пуч* меномад. Ҳақиқатан дар паси ин изҳорот ҳеҷ чизе нест. Вале онҳо, бо суиистифода аз кунҷковӣ ва такаббури инсон пайравонро ба сафи «баъзе баргузидагон» дохил карда, пайравонро ба худ ҷалб менамоянд.

*Фалсафа* ва *фиреби пуч,* ки расул ба муқобили онҳо мубориза мебарад, *мувофиқи ривояти инсонӣ, мувофиқи қоидаҳои ҷаҳон, на мувофиқи Масеҳ аст,* амал мекунад. *Ривояти инсонӣ* дар ин ҷо таълимоти динӣ аст, ки одамон бофта баровардаанд ва он дар Навишта асоси воқеӣ надорад. (Ривоят – собит кардани расму оинест, ки дар ибтидо аз боиси қулай будан ба вуҷуд омадааст ё ба ягон вазъият мувофиқат мекард.) *Қоидаҳои ҷаҳон* расму оинҳо, маросим ва фарзҳои яҳудиро ифода мекунанд, ки бо ёрии онҳо одамон умед доштанд таваҷҷуҳи Худоро ба даст оваранд.

*Шариати Мусо ба вазифаи худ – рамзи оянда будан – мувофиқат мекард. Вай мактаби тайёрӣ буд, ки дилро ба омадани Масеҳ тайёр мекард. Акнун ба он баргаштан ба осиёби муаллимони бардурӯғ об рехтан мебуд, ки онҳо қарор доданд аз таълимоти аллакай радшуда истифода баранд, то ки Писари Худоро танг карда бароранд.* (Қайдҳои ҳаррӯзаи ҷамъияти Навиштаи Муқаддас.)

Павлус аз кулассиён хоҳиш менамояд, ки ҳар гуна таълимотро санҷанд, ки оё он ба таълимоти *Масеҳ* мувофиқат мекунад ё не. Ин оятро Филлипс ба таври ҷолиби диққат тарҷума кардааст: «Саъй кунед, то ки ҳеҷ кас, ба андешаронӣ ва ёвагӯиҳои дабдабанок муроҷиат намуда, имони шуморо вайрон накунад. Дар ҳолати беҳтарин онҳо тасаввуроти одамро оид ба табиати ҷаҳон ба асос гирифта, Масеҳро сарфи назар мекунанд!»

**2,9** Мушоҳида намудан шавқовар аст, ки чӣ гуна расул Павлус хонандагонро доимо ба Шахсияти Масеҳ бармегардонад. Дар ин ҷо яке аз боназокаттарин ва дурахшонтарин оятҳои Навиштаи Муқаддас оварда мешавад, ки ба табиати илоҳии Худованд Исои Масеҳ бахшида шудааст. *Зеро дар Ӯ тамоми пуррагии Илоҳият ҷисман сокин аст.* Ба марказиятдиҳии намоишкоронаи исботи илоҳияти Масеҳ таваҷҷуҳ намоед. Аввалан, илоҳияти Ӯ зикр карда мешавад: Зеро дар Ӯ ... *Илоҳият ҷисман* сокин аст. Сониян, мо бо он чизе дучор мешавем, ки касе «амплитуда»-и илоҳият номидааст: зеро ки дар Ӯ ... *пуррагии Илоҳият ҷисман* сокин аст. Ва дар охир, мо он чиро дорем, ки пуррагии мутлақи илоҳият номида мешавад: «Зеро дар Ӯ *тамоми пуррагии Илоҳият ҷисман* сокин аст». (Ин ҷавоби хеле хубест ба шаклҳои гуногуни гностисизм, ба монанди «Илми масеҳӣ», «Шоҳидони Яҳува», «Ягонагӣ», теософия, христоделфианизм ва ғайраҳо, ки онҳо табиати илоҳии Худованд Исоро рад мекунанд.)

Винсент мегӯяд: «Ин оят ду фикри гуногунро дар бар мегирад: 1) пуррагии илоҳият ҷовидона дар Масеҳ аст; 2) пуррагии илоҳият дар Ӯ сокин аст, ки Ӯ дорои ҷисми одамист».[13] Аксари таълимотҳои бардурӯғи дар боло зикршуда, шояд, эътироф мекарданд, ки кадом як шакли илоҳият дар Исо буд. Аммо

ояти додашуда *тамоми пуррагии Илоҳиятро* бо Ӯ айният медиҳад ва ин пуррагӣ дар Ӯ чун дар одам сокин аст. Маънои далели овардаи Павлус равшан аст: агар дар Шахсияти Худованд Исои Масеҳ чунин пуррагӣ бошад, таълимоте ки ба Ӯ муносибати беэътиноёна мекунанд ё Ӯро писанд намекунанд, барои чӣ лозиманд?

**2,10** Расул чун пештара мекӯшад, то дар хотири хонандагон нақш бандад, ки Худованд Исои Масеҳ пурра кифоякунанда аст, ва онҳо *дар Ӯ* ба ҳузури Худо комил мебошанд. Ҳақиқате дар ояти 10 ҳаст, аз ҳақиқати дар ояти 9 овардашуда сар мезанад ва меҳрубонии Худо дар ин хеле хуб зоҳир мегардад. Дар Масеҳ тамоми пуррагии илоҳият ҷисман сокин аст ва масеҳӣ *дар Ӯ пуррагӣ дорад*. Албатта, ин онро ифода намекунад, ки ба масеҳӣ тамоми пуррагии Худо ато шудааст. Шахсияти ягонае ки чунин суханон нисбати Ӯ ягон замон дуруст буд ё дуруст хоҳад буд, Худованд Исои Масеҳ мебошад. Вале ояти додашуда таълим медиҳад, ки масеҳӣ дар Масеҳ тамоми чизи заруриро барои ҳаёт ва худотарсӣ дорост. Таърифи хеле хуби пуррагии моро Сперчен медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки мо 1) бе иҷро кардани маросимҳои яҳудӣ комилем; 2) бе ёрии фалсафа комилем; 3) бе хурофоти бофтабаровардa комилем; 4) новобаста ба хизматҳои одамӣ комилем.

Он шахсе ки ҳамаи мо дар Ӯ комилем, *сари ҳар сарварӣ ва қудрат аст*. Гностикҳо ба муҳокимарониҳо оид ба фариштаҳо иштиёқи хеле зиёд доштанд. Баъдтар дар худи ҳамин боб Павлус дар ин бора ёдрас мекунад. Аммо Масеҳ аз ҳамаи мавҷудоти фариштавӣ беандоза болотар аст ва ба фариштагон таваҷҷуҳ зоҳир намудан хандаовар мебуд, дар ҳоле ки объекти ваҷду дилбастагии мо Офаридгори фариштагон буда метавонад ва мо аз ҳамроҳ шуданамон ба Ӯ лаззат бурда метавонем.

**2,11** *Хатна* маросими махсуси дини яҳудист. Ин амалиёти ҷарроҳии хурдест, ки ҳангоми он қисми канории олати ҷинсии навзоди ҷинсаш мардина бурида партофта мешавад. Аҳамияти рӯҳонии хатна марги ҷисм ё даст кашидан аз табиати бад, фосид ва эҳёнашудаи одам мебошад. Мутаассифона, халқи яҳудӣ, ҳарфи расму русумро ба ҷо оварда, ба маънои рӯҳонии он аҳамият намедод. Бо ёрии маросимҳо ва амалҳои нек илтифоти Худоро ба даст оварданӣ шуда, онҳо мегуфтанд, гӯё дар одам чизе ҳаст, ки қобилияти нарм кардани дили Худоро дорад. Ин тамоман аз ҳақиқат дур аст.

Ояте ки мо таҳқиқ мекунем, на хатнаи ҷисмониро, балки бештар *хатнаи* рӯҳониро дар назар дорад, ки ҳар касе ба Худованд Исо имон овардааст ва ба Ӯ эътимод кардааст, инро аз сар мегузаронад. Ин аз суханони *«на ба хатнае ки бо дасти одамизод карда шудааст»* аён аст. Ояти додашуда ана инро меомӯзад: ҳар як масеҳӣ *бо хатнаи Масеҳ* хатна шудааст. *Хатнаи Масеҳ* ба марги Ӯ дар салиб дар Ҷолҷолто тааллуқ дорад. Инак, ҳангоме ки Худованд Исо мурд, масеҳӣ низ мурд. Ӯ барои гуноҳ (Рум. 6,11), барои шариат, барои худ (Ғал. 2,20) ва барои ҷаҳон (Ғал. 6,14) мурд. (Хатна ба он маъно бо дасти одамӣ сохта нашуда буд, ки дастони одам ба он муносибат надоранд, одам дар он иштирок карда наметавонад. Ӯ онро сазовор шуда ё ба даст оварда наметавонад. Ин кори Худост.) Ҳамин тариқ *бадани гуноҳолуди ҷисмонӣ* бароварда шуда буд. Дигар хел карда гӯем, ҳангоме ки одам наҷот ба даст меоварад, ӯ бо Масеҳ дар марги ӯ монанд мешавад ва аз ҳар гуна умеди ба шарофати ягон хел ҷидду ҷаҳди ҷисмонӣ ба даст овардан ё сазовори наҷот шудан даст мекашад. Семюэл Ридаут менависад: «Марги Худованди мо моро на танҳо аз самари гуноҳ, балки низ аз решае ки ин самарро меоварад, халос менамуд».

**2,12** Павлус аз мавзуи хатна ба мавзуи *таъмид* мегузарад. Чунон ки хатна марги ҷисмро ифода мекунад, *таъмид* рамзи дафни одами кӯҳна мебошад. Мо мехонем: *«Ки бо Ӯ дар таъмид гӯронда шудаед ва дар Ӯ бархезонда шудаед ба василаи имон ба қуввати Худо, ки Ӯро аз мурдагон бархезонд»*. Моҳияти ин ибора дар он аст, ки мо на танҳо бо Масеҳ мурдаем, балки *бо Ӯ гӯронда шудаем*. Ғӯтаи мо рамзи ин буд. Гӯрондан дар лаҳзаи тавба кардан рӯй дод, вале он ҳангоме зоҳир гардид, ки дар назди умум ба оби ғӯта ворид шуда, худро масеҳӣ эълон намудем. Ғӯта гӯрондан аст, гӯрондани ҳамаи он чи мо чун фарзандони Одам будем. Мо бо ғӯта он ҳақиқатро эътироф менамоем, ки дар мо ҳеҷ чизи ягон вақт қобили қабули Худо мешуда нест ва бинобар ин мо абадан ҷисмро аз пеши назари Худо дур менамоем. Вале бо дафн ҳама чиз ба охир намерасад. Мо

на танҳо бо Масеҳ ба салиб кашида шудаем ва бо Ӯ дафн шудаем, балки ҳамчунин якҷоя бо Ӯ зинда шудаем, то ҳаёти нав ба сар барем. Ҳамаи ин дар вақти имон овардан рӯй медиҳад. Ва ин *ба василаи имон ба қуввати Худо, ки* Масеҳро *аз мурдагон бархезонд,* рӯй медиҳад.

**2,13** Акнун расул Павлус тамоми он чиро, ки дар боло гуфта шуда буд, нисбати кулассиён истифода мебарад. То имон овардани худ онҳо *дар гуноҳҳои* худ *мурда* буданд. Ин маънои онро дорад, ки барои гуноҳҳои худ онҳо дар назди Худо рӯҳан мурда буданд. Албатта, ҷонҳои онҳо мурда набуданд, вале дар онҳо ҳаракат ба Худо набуд ва онҳо ҳеҷ чиз карда наметавонистанд, то ки ба лутфу марҳамати Худо сазовор шаванд. Онҳо на танҳо *дар гуноҳ,* балки чунон ки Павлус мегӯяд, дар *бехатнагии ҷисми худ* низ *мурда* буданд. *Бехатнагӣ* аксар дар Аҳди Нав барои тасвири халқҳои ғайрияҳудӣ кор фармуда мешавад. Кулассиён ғайрияҳудӣ буданд. Онҳо ба халқи интихобшудаи Худо дар замин, ба яҳудиён, тааллуқ надоштанд. Бинобар ин онҳо аз Худо дур буданд ва ба ҷисм бо ҳамаи шавқу рағбати разилонааш ихтиёри пурра медоданд. Вале Хушхабарро шунида ва ба Худованд Исои Масеҳ имон оварда, онҳо *бо Ӯ зинда шуда* буданд ва *ҳамаи гуноҳҳои* онҳо омурзида шуда буданд. Дигар хел карда гӯем, тарзи зисти кулассиён ҳақиқатан тағйир ёфт. Таърихи онҳо чун гуноҳкорон ба охир расид ва акнун онҳо аз нав дар Исои Масеҳ офарида шуда буданд. Ин зиндагии он тарафи растохез буд. Бинобар ин онҳо ба ҳамаи он чи онҳоро чун одамони ҷисмонӣ нишон медод, бояд «хайрбод» мегуфтанд.

**2,14** Павлус номаро бо тасвири боз як тарафи кори Масеҳ давом медиҳад. *Ва он айбномаро, ки бо фаризаҳо моро маҳкум менамуд ва бар зидди мо буд, Ӯ хат зад ва онро бар салиб мехкӯб карда, аз миён бардошт. Айбномае ки бар зидди мо буд,* шариатро ифода мекунад. Ба маъное Даҳ Фармуда бар зидди мо буданд, зеро онҳо моро аз боиси он ки онҳоро айнан иҷро намекардем, маҳкум менамуданд. Вале расул Павлус на танҳо Даҳ Фармударо, балки шариати маросимии ба Исроил додашударо низ дар назар дорад. Ин шариати маросимӣ ҳамаи он чиро, ки ба идҳои динӣ, хӯрок ва дигар расму русум дахл доштанд, ба танзим меовард. Онҳо як қисми дини ба яҳудиён фармудашуда буданд. Онҳо омадани Худованд Исоро пешгӯӣ мекарданд. Онҳо чун тимсоли Шахсияти Ӯ ва корнамоии Ӯ хизмат мекарданд. Дар *салиб* мурда, Ӯ ҳамаи инро *аз миён* бардошт, онро ба *салиб* мехкӯб кард ва барҳам дод, чунон ки ҳангоми пардохта шудани қарз суратҳисобро аз эътибор соқит мекунанд. Мейер мегӯяд: «Бо марги Масеҳ дар салиб шариате ки ба одамон ҳукм мебаровард қувваи ҷазодиҳандаро гум кард, зеро Масеҳ дар марги Худ барои одам лаънати шариатро таҳаммул кард ва интиҳои шариат гашт».[14] Келлӣ мухтасар хулоса менамояд: «Шариат намурдааст, вале мо барои он мурдаем».

Дар ин ҷо Павлус ифодаеро истифода мебарад, ки шояд ба анъанаи қадимаи дар ҷои серодам часпонда мондани шаҳодати хаттӣ оид ба пардохти қарз тааллуқ дошт, то маълум гардад, ки қарздиҳанда ба қарздор дигар ҳеҷ гуна даъво надорад.

**2,15** Худованд Исо бо марги Худ дар салиб ва растохезу ба осмон рафтани баъдинааш ҳамчунин бар *қувваҳои* бадӣ ғалаба намуда, *онҳоро гирифтори шармандагӣ кард ва бар онҳо дастболо шуд.* Мувофиқи ақидаи мо, ин ҷо ҳамон музаффарияти дар Эфесусиён 4 гуфташуда тасвир ёфтааст: он ҷо гуфта мешавад, ки Худованд Исо асоратро асир кард. Марг, дафн, растохез ва ба осмон рафтани Ӯ музаффарияти бошукӯҳе бар фавҷҳои дӯзах ва шайтон буд. Дар лаҳзаи ба осмон боло шудан Ӯ аз байни мулки он касе мегузашт, ки ҳокими қувваҳои ҳаво мебошад.

Эҳтимол, ин оят онҳоеро махсусан тасалло медиҳад, ки то замони имон овардаашон девҳоро парастиш мекарданд ва акнун дар тарси рӯҳҳои бад мебошанд. Агар мо дар Масеҳ бошем, набояд аз чизе тарсем, зеро Ӯ *сарварону ҳукуматдоронро аз қувваташон маҳрум сохт.*

**2,16** Расул Павлус боз ҳам тайёр аст гуфтаҳои худро дар амал татбиқ намояд. Он чиро, ки баъд меояд, мухтасар чунин баён намудан мумкин аст: кулассиён барои ҳамаи саъю кӯшиши бо ёрии табиати одамии худ ба даст овардани ҳусни таваҷҷуҳи Худо мурда буданд. Онҳо на танҳо мурда буданд, балки бо Масеҳ гӯронда шуда буданд ва бо Ӯ барои ҳаёти нав зинда шуданд. Бинобар ин онҳо бояд ҳамешагӣ робитаро бо пайравони яҳудият ва

гностикҳо кананд, зеро онҳо кулассиёнро ба ақиб, сӯи он чизе мекашиданд, ки кулассиён барои он мурда буданд. *Пас, бигзор касе шуморо барои хӯрок ё нӯшокӣ, ё барои риояи ид, ё навмоҳ, ё шанбе маҳкум накунад.* Ҳамаи динҳои одамӣ одамонро бо маросимҳо, қонунҳо ва тақвими динӣ мебанданд. Чунин тақвим одатан идҳои дар як сол як маротиба қайдшаванда (рӯзҳои муқаддас), идҳои ҳармоҳа (моҳи нав) ё рӯзҳои муқаддаси ҳарҳафтаина (шанбеҳо)-ро дар бар мегирад. Ифодаи *«бигзор касе шуморо ҳукм накунад»* онро ифода мекунад, ки масеҳиро, масалан, барои он ки ӯ гӯшти хукро мехӯрад ё идҳои ҷамоатиро риоя намекунад, маҳкум кардан беадолатона аст. Баъзе динҳои бардурӯғ, ба монанди спиритизм, талаб менамоянд, ки пайравони онҳо аз гӯшт парҳез намоянд. Дар давоми асрҳои зиёд католикҳо бояд дар рӯзҳои ҷумъа гӯшт намехӯрданд. Бисёр ҷамоатҳо дар вақти рӯзаи бузург аз баъзе намудҳои хӯрок парҳез карданро талаб менамоянд. Дигарон бошанд, ба монанди мормонҳо, мегӯянд, ки агар одам чой ё кофе нӯшад, чун узви ҷамоат дар қатори беҳтаринҳо буда наметавонад. Масалан, адвентистони рӯзи ҳафтум исрор менамоянд, ки агар шахс ба Худо мақбул шудан хоҳад, бояд рӯзи шанберо риоя намояд. Ин маҳдудиятҳо ба масеҳӣ дахл надоранд. Оид ба шариат, шанбе ва риёкорӣ муфассалтар дар эзоҳот ба Матто 5,18; 12,8 ва ба Ғалотиён 6,18 хондан мумкин аст.

**2,17** Маросимҳои дини яҳудӣ *сояи чизҳои оянда* буданд, *аммо бадан аз они Масеҳ аст.* Онҳо дар Аҳди Қадим чун рамзи оянда муқаррар шуда буданд. Шанбе, масалан, рамзи осудагӣ буд, ки ба ҳамаи масеҳиён дар Исои Масеҳ ато хоҳад шуд. Аммо акнун, ҳангоме ки Худованд Исо Худро зоҳир кард, чаро одам ба сояҳо пайравӣ намуданро давом диҳад? Ин монанди он аст, ки дар ҳузури шахси дар сурат тасвирёфта танҳо суратро тамошо кунем.

**2,18** Мазмуни аниқи ин оятро фаҳмидан хеле душвор аст, зеро ки ба мо таълимоти гностикҳо бо тамоми пуррагии он маълум нест. Эҳтимол, расул дар ин ҷо дар назар дорад, ки ин одамон худро он қадар фурӯтан вонамуд мекарданд, ки гӯё ҳатто ҷуръат намекарданд бевосита ба Худо муроҷиат намоянд. Эҳтимол, гностикҳо таълим медоданд, ки одамон ба Худо бояд ба воситаи фариштаҳо муроҷиат намоянд ва ҳамин тариқ онҳо бо *хоксории* тасаввуршаванда на Худовандро, балки *фариштаҳоро* ибодат мекарданд. Онҳо дар ҷаҳони имрӯза ҳамонанд доранд – ҷамоати румӣ-католикӣ, ки мегӯяд, гӯё одам оид ба дуои бевосита ба Худо ё Худованд Исо фикр ҳам карда наметавонад ва бинобар ин шиори онҳо ин аст: «Ба сӯи Исо ба василаи Марям». Чунон ки менамояд, ин аз тарафи онҳо *хоксории* бардурӯғ ва парастиши мавҷудоти офаридашуда мебошад. Масеҳиён ба ҳеҷ кас набояд иҷозат диҳанд, ки ба анъанаҳои то ин дараҷа зидди Навишта муроҷиат намуда, онҳоро аз чизи барояшон атошуда маҳрум созанд. Дар Калом аниқ гуфта шудааст, ки «воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳи одамизод аст» (1Тим. 2,5).

Сипас расул Павлус ифодаи басо ноаниқро истифода мебарад: *ба чизҳое ки надидааст*[15]*, мудохила менамояд.* Гностикҳо эълон менамуданд, ки асрори чуқуртарини аз ҳамаи дигарон пинҳонро дарк намудаанд, ки онро танҳо маросими ошношавиро гузашта, фаҳмидан мумкин аст. Эҳтимол, ба чунин асрор руъёҳо тааллуқ доранд. Руъёҳои бардурӯғ қисми таркибии муҳими чунин бидъатҳои ҳозиразамон, ба монанди мормонизм, спиритизм, католитсизм ва ғайраҳо мебошанд. Табиист, ки ин гурӯҳи ками ошношудагон бо донишии ниҳонии худ фахр мекунанд. Бинобар ин Павлус илова менамояд: *аз фикри ҷисмонии худ беҳуда мағрур аст.* Онҳо ба дигарон мутакаббирона нигоҳ мекарданд ва таассуроте ба амал меомад, ки одам танҳо бо ин асрори ниҳонӣ шинос шуда, хушбахт шуда метавонад. Дар ин ҷо мо нақлро қатъ менамоем, то зикр намоем, ки аксари чизҳои дар боло гуфташуда дар замони мо барои ҷамъиятҳои бародарии пинҳонӣ низ хос аст. Масеҳие ки дар муносибати доимӣ бо Худованди худ зиндагӣ мекунад, барои ҳамроҳ шудан ба чунин созмонҳо на вақт дорад, на хоҳиш.

Ояти 18-ро дида баромада, зикр кардан муҳим аст, ки ин одамон расму таомули гуногуни риоя мекардаашонро худсарона ба амал меоварданд. Онҳо ба Навишта такя намекарданд. Онҳо дар амалиёти худ ба Масеҳ итоат намекарданд. Онҳо *аз фикри ҷисмонии худ беҳуда мағрур буданд,* зеро он чи худашон мехостанд, ҳамонро мекарданд, новобаста ба Худованд, ҳарчанд аз як тараф рафтори онҳо фурӯтанона ва диндорона менамуд.

**2,19** *Робитаи худро аз сари бадан буридааст.* Дар ин ҷо оид ба Худованд Исо чун оид ба *Сари* бадан гуфта мешавад. Бо сар робита доштан – зистан бо дарки он ки Масеҳ *Сар аст,* тамоми чизҳои заруриро аз манбаи тамомнашавандаи Ӯ гирифтан ва ҳама корро баҳри ҷалоли Худо кардан аст. Ин яъне ба Худованд барои дастгирӣ ва маслиҳат муроҷиат намудан ва доимо бо Ӯ дар робита будан аст. Павлус инро дар ибораи зерин шарҳ медиҳад: *«аз саре ки тамоми бадан ба воситаи пайвандҳо ва бандҳо қувват гирифта ва пайваст гардида, нашъунамо меёбад ба нашъунамое ки аз Худост».* Қисмҳои гуногуни бадани одам *бо пайвандҳо ва бандҳо* робита доранд. Бадан, дар навбати худ, бо сар пайваст аст. Бадан ба сар муҳтоҷ аст, зеро ки он ӯро идора мекунад ва роҳбарӣ менамояд. Расул Павлус дар ин ҷо маҳз ҳаминро таъкид менамояд. Аъзоёни Бадани Масеҳ бояд дар замин тамоми қаноатмандии пурраро дар Ӯ ёбанд ва бо далелҳои боварибахши муаллимони дурӯғин фирефта нашаванд.

Ифодаи *«ба сар робита доштан»* қайд менамояд, ки ба Худованд дар ҳар як дақиқа такя намудан лозим аст. Ёрии дирӯз фиристодашуда барои рӯзи ҳозира кам аст. Бо обе ки аллакай аз сарбанд гузаштааст, гандум орд кардан мумкин нест. Дар ин ҷо ҳамчунин илова кардан лозим аст, ки дар сурате ки масеҳиён ҳақиқатан бо Сар робита доранд, натиҷа амали худ ба худ рӯйдиҳанда мешавад, ки бо амали дигар аъзоёни бадан ҳамоҳанг карда шудааст.

**2,20** Суханони *«қоидаҳои ҷаҳон»* дар ин оят нисбати маросим ва фарзҳо истифода шудаанд. Масалан, маросимҳои дар Аҳди Қадим пешниҳодшуда донишҳои одиро дар бораи ҷаҳон дар бар мегирифтанд ва принсипҳои асосии динро, алифбои онро таълим медоданд (Ғал. 4,9-11). Эҳтимол, Павлус ҳамчунин маросимҳо ва фарзҳои бо гностисизм ва дигар динҳо алоқамандро дар назар дорад. Аз ҷумла, расул гӯшанишиниро дар назар дорад, ки аз яҳудияти алҳол мавқеи худро аз назари Худо гумкарда, ё аз гностисизм, ё аз дигар ягон дини бардурӯғе ки Худо ҳеҷ гоҳ онро эътироф намекард, пайдо шудааст. Азбаски кулассиён *бо Масеҳ мурданд,* Павлус мепурсад, ки чаро онҳо то ба алҳол чунин *фароизро пайравӣ* кардан мехоҳанд. Охир ин кор фаромӯш кардани он аст, ки онҳо робитаро бо ҷаҳон кандаанд. Эҳтимол, дар баъзеҳо савол ба вуҷуд меояд: агар масеҳиён барои маросимҳо мурда бошанд, чаро онҳо ғӯта ва Шоми Худовандро ба ҳар ҳол нигоҳ медоранд? Ҷавоби равшан чунин аст: таълимот оид ба ин ду фаризаи ҷамоати масеҳӣ дар Аҳди Нав мавҷуд аст. Вале онҳо воситаи ба даст овардани файз намебошанд, то моро барои осмон лоиқтар кунанд ё барои сазовори мукофоти Худо шудан ёрӣ диҳанд. Онҳо аниқтараш амали итоат ба Худованд буда, рамзи монандшавӣ бо Масеҳ ва хотираи марги Ӯянд. Онҳо асосан на қонунҳое мебошанд, ки риоя кардан лозим аст, балки шарафи бузурги шодибахш мебошанд, ки аз он ҳаловат бурдан мумкин аст.

**2,21** Ин оят бештар фаҳмо мешавад, агар мо онро бо суханони «ба монанди» сар кунем. Ба ибораи дигар, дар ояти 20 Павлус мегӯяд: «Пас чаро, мисли онҳое ки дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, фароизро пайравӣ менамоед, ба монанди (о. 21) *нарас, начаш, даст назан».* Аҷаб бошад ҳам, баъзеҳо мегӯянд, ки дар ин ҷо Павлус нарасидан, начашидан ва даст назаданро ба кулассиён *фармон медод.* Ин, албатта, тамоман мухолифи он матлабест, ки дар ин порча дар назар дошта шудааст.

Бояд ёдрас кард, ки баъзе олимони муътабар, ба монанди Вилям Келлӣ, чунин меҳисобанд, ки тартиби калимаҳо дар ин оят бояд чунин бошад: «Даст назан, начаш ва ҳатто нарас». Чунин тартиб қатъияти афзуншавандаи гӯшанишиниро тасвир мекард.

**2,22** Павлус фикри худро дар ояти 22 инкишоф медиҳад ва шарҳ медиҳад. Ин манъкуниҳо аз одам бармеоянд, ки ба он ифодаи *«бар фармудаҳо ва таълимоти инсонӣ»* ишорат менамояд. Оё моҳияти дини ҳақиқӣ аз он иборат аст, ки на бо Худи Масеҳи зинда, балки бо хӯрдан ва нӯшидан машғул шавем?

Веймут оятҳои 20 то 22-ро ба тариқи зайл тарҷума мекунад:

*Агар шумо бо Масеҳ мурдаед ва алҳол барои тасаввуротҳои одитарини ин ҷаҳон дастнорасед, пас чаро, гӯё ҳаёти шумо то алҳол ба ин ҷаҳон тааллуқ дошта бошад, ба чунин фаризаҳо ва таълимоти сирф инсонӣ итоат менамоед: «Ба ин даст нарасон»,*

*«Инро начаш», «Ана ба ин нарас», ки аз қабили чизҳое мебошанд, ки барои истифода бурдан ва баъд партофтан муқаррар гардидаанд?*

**2,23** Ин гуна тартиботи аз тарафи динҳои одамӣ муқарраршаванда *дар ибодати худсарона, хоксорӣ ва озори бадан ба назар ҳамчун ҳикмат менамояд. Ибодати худсарона* онро ифода мекунад, ки одамон шакли парастишро на мувофиқи Каломи Худо, балки бо тасаввуроти шахсиашон оид ба он чи дуруст аст, интихоб мекунанд. Онҳо диндор менамоянд, вале ин масеҳияти ҳақиқӣ нест. Мо аллакай маънои калимаи *«хоксории бохирадона»-ро* шарҳ додем – онҳо барои бевосита ба Худо муроҷиат намудан худро беҳад хоксор вонамуд мекунанд, ва бинобар ин ба фариштаҳо чун ба миёнаравон рӯ меоваранд. *Озори бадан* ба амалияи гӯшанишинӣ тааллуқ дорад. Одам боварӣ дорад, ки бо даст кашидан аз манфиатҳои шахсӣ ё бо азоб додани худ ба муқаддасоти бузургтар ноил шуда метавонад. Чунин боварӣ ба дини ҳиндуия ва дигар динҳои тасаввуфии Шарқ хос аст.

Аҳамияти ҳамаи ин амалҳо чӣ гуна аст? Эҳтимол, он дар қисми хотимавии оят беҳтар аз ҳама ифода ёфтааст: *дар қонеъ гардондани ҷисм.* Ҳамаи ин амалиётҳо ба тамошобинон хеле хуб таъсир мерасонанд, вале *ҷисмро* қонеъ карда наметавонанд. (Ҳатто ваъдаҳои бо ниятҳои беҳтарин ба худ додашуда оид ба парҳезгорӣ аз чизе одатан натиҷа намеоваранд.) Ҳар гуна системаи бардурӯғ дар ниҳояти кор одамро беҳтар карда наметавонад. Бо вонамуд кардани он ки ҷисм барои сазовори таваҷҷуҳи Худо шудан ягон кор карда метавонад, онҳо шавқу рағбат ва ҳирси онро ҷилавгирӣ карда наметавонанд. Мавқеи масеҳӣ дар ин масъала чунин аст: мо барои ҷисм бо ҳамаи шавқу рағбат ва шаҳвати он мурдаем, ва аз ҳамин лаҳза барои ҷалоли Худо зиндагӣ мекунем. Мо инро на аз тарси ҷазо мекунем, балки аз муҳаббат ба Оне ки Худро ба мо бахшид. Инро А. Т. Робертсон хеле хуб ифода намудааст: «Маҳз муҳаббат моро дар ҳақиқат озод мекунад, то ки дуруст рафтор намоем. Муҳаббат интихоби моро осон менамояд. Муҳаббат уҳдадориҳоро зебо мегардонад. Муҳаббат ба мо ёрӣ медиҳад, то бо шодӣ аз пайи Масеҳ равем. Муҳаббат хизмат ба некӯиро озодӣ мегардонад».

## II. ҚАРЗИ МАСЕҲӢ ДАР НАЗДИ МАСЕҲ, КИ ДАР ҒОЯТИ КАМОЛОТ АСТ (Б. 3 ва 4)

### А. Зиндагии нави масеҳӣ: аз худ дур кардани одами кӯҳна ва дар бар кардани одами нав (3,1-17)

**3,1** *Пас, агар шумо бо Масеҳ бархезонда шудаед, он чиро, ки дар болост, биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ аз дасти рости Худо нишастааст. «Агар»* дар ин оят онро ифода намекунад, ки расул ягон хел шубҳа дошт. Ин он чизест, ки «агар»-и далел номида мешавад ва онро метавон «чунки» тарҷума кард: «чунки шумо бо Масеҳ зинда шудаед».

Чунон ки дар боби 2 зикр шуда буд, масеҳӣ чун бо Масеҳ мурда, бо Ӯ дафншуда ва бо Ӯ аз мурдагон зиндашуда баҳо дода мешавад. Маънои рӯҳонии ҳамаи ин аз он иборат аст, ки мо бо тарзи зиндагонии пешина хайрухуш кардем ва ҳаёти комилан дигар, ҳаёти нав, ҳаёти Худованд Исои Масеҳи зиндашударо сар кардем. Азбаски мо *бо Масеҳ бархезонда шудем,* мо бояд *он чиро, ки дар афроз аст,* ҷӯем. Мо алҳол дар заминем, вале бояд кӯшиш намоем, ки рафтори осмониро парварем.

**3,2** Масеҳӣ набояд дар ақидаҳои худ ба замин баста бошад. Ӯ бояд ба ҳамаи чизҳо на аз нуқтаи назари одами одӣ, балки аҳамияти онҳоро барои Худо ва ҷовидонӣ муқоиса намуда, нигоҳ кунад. Винсент тахмин мекунад, ки бо калимаи «ҷӯед» дар ояти 1 қадамҳои амалӣ ифода карда шудаанд, калимаи «фикр кунед» дар ояти 2 бошад хоҳиш ва омили водоркунандаро тасвир менамояд. Калимаи «фикр кунед» дар ин ҷо худи ҳамон аст, ки дар Филиппиён 3,19 буд: «онҳо дар бораи чизҳои заминӣ фикр мекунанд». А. Т. Робертсон менависад: *«Зиндагонии масеҳӣ онро ифода мекунад, ки масеҳӣ чизҳои осмониро меҷӯяд ва дар бораи чизҳои осмонӣ фикр мекунад. Пойҳои ӯ дар замин қадам мегузоранд, вале сараш дар байниситораҳост. Ӯ дар замин чун шаҳрванди осмон зиндагӣ мекунад».*[16]

Дар вақти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ як масеҳии ҷавон бо шавқу завқ ба хизматгузори баркамоли Масеҳ навишта буд: «Ман фаҳмидам, ки шаби гузашта ҳавопаймоҳои бомбаандози мо аз нав шаҳрҳои душманро бомбаборон карданд». Масеҳии калонсол ба ин суханон

чунин ҷавоб дод: «Ман намедонистам, ки Ҷамоати масеҳӣ ҳавопаймоҳои бомбаандоз дорад». Ӯ аниқ ба ҷаҳон аз нуқтаи назари Худо менигарист ва аз марги занон ва кӯдакон хурсанд шуда наметавонист.

Ф. Б. Ҳоул мавқеи моро равшан баён менамояд:

*Ба монандшавии мо бо Масеҳ дар марги Ӯ монандшавии мо бо Ӯ дар растохези Ӯ мувофиқат мекунад. Мақсади аввалӣ ҷудо кардани мо аз ҷаҳони одамӣ, дини одамӣ, хиради одамист. Мақсади дуввумӣ – пайвастани мо бо ҷаҳони Илоҳӣ ва ҳамаи он чи дар он ҷо мавҷуд аст. Чор ояти аввалини боби 3 ба мо саодатеро ошкор месозанд, ки мо ба он ҳамроҳ мешавем.*[17]

**3,3** Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки масеҳиён *мурдаанд,* ӯ на амали моро, балки мавқеи моро дар назар дорад. Ба шарофати бо Масеҳ дар марги Ӯ монанд шудани мо Худо мехоҳад, ки мо худро бо Масеҳ мурда ҳисобем. Дилҳои мо ҳамеша тайёранд зидди ин далел талош намоянд, зеро мо худро барои гуноҳ ва васваса бағоят зинда ҳис мекунем. Вале ҳангоме мо ба шарофати имони худ худро бо Масеҳ мурда ҳисобиданро сар мекунем, ин ба таври мӯъҷизаосо ҳақиқати ахлоқии ҳаёти мо мегардад. Агар мо чунон зиндагӣ кунем, ки гӯё мурдаем, пас ҳаёти мо ба ҳаёти Худованд Исои Масеҳ боз бештар мувофиқат хоҳад кард. Бешубҳа, мо дар замин ҳеҷ гоҳ ба камолот намерасем, вале ин раванд бояд дар дили ҳар як масеҳӣ ба амал ояд.

Мо на танҳо *мурдаем,* балки *зиндагии* мо ҳам *бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст.* Он чи одами одиро ба ташвиш меандозад ва диққаташро ҷалб менамояд, ба сайёрае ки мо дар он зиндагӣ мекунем, тааллуқ дорад. Вале он чи беш аз ҳама масеҳиро ба ташвиш меандозад, бо Шахсияти Худованд Исои Масеҳ алоқаманд аст. Вазифаи мо аз вазифаи Ӯ ҷудонопазир аст. Андешаи Павлус чунин аст: азбаски *ҳаёти* мо *бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст,* мо бо майда-чуйдаи ин ҷаҳон ва махсусан бо ҷаҳони динии атрофамон набояд саргарм шавем.

Аммо бо ифодаи *«ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст»* фикри дигар ҳам алоқаманд аст. Ҷаҳон ҳаёти рӯҳонии моро намебинад. Одамон моро намефаҳманд. Онҳо на ба монанди онҳо зиндагӣ кардани моро аҷиб меҳисобанд. Онҳо андешаҳои мо, мақсади рафтори мо, худи рафторамонро намефаҳманд. Чунон ки дар хусуси Рӯҳулқудс гуфта шудааст, ки ҷаҳон Ӯро намебинад ва Ӯро намедонад, худи ҳаминро оид ба ҳаёти рӯҳонии мо гуфтан мумкин аст – он *бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст.* Дар 1Юҳанно 3,1 мехонем: «Ҷаҳон аз он сабаб моро намешиносад, ки Ӯро нашинохтааст». Ҷудошавии ҳақиқӣ аз ҷаҳон дар он асос ёфтааст, ки ҷаҳон масеҳиро намефаҳмад, ҳатто аниқтараш нодуруст мефаҳмад.

**3,4** Расул тасвири қисмати масеҳиён дар Масеҳро то нуқтаи авҷ расонидан хоста, акнун ба омадани дуюми Масеҳ муроҷиат мекунад: *ҳангоме Масеҳ, ки зиндагии шумост, аён шавад, шумо низ бо Ӯ дар ҷалол аён мешавед.* Дар замони ҳозира мо бо Ӯ зинда шудаем ва аз зиндагие ки одамон дида наметавонанд ё фаҳмида наметавонанд, лаззат мебарем. Вале рӯзе наздик шуда истодааст, ки Худованд Исо барои масеҳиёне ки ба Ӯ имон доранд, бармегардад. Он гоҳ мо *бо Ӯ дар ҷалол* аён мешавем. Он гоҳ одамон моро мефаҳманд ва дарк мекунанд, ки чаро мо чунин рафтор мекардем ва дигар хел не.

**3,5** Дар ояти 3 гуфта шуда буд, ки мо мурдаем. Дар ин ҷо ба мо мегӯянд, ки мо бояд *узвҳои заминии* худро *кушем.* Ин ду оят тасвири аниқи фарқи байни мавқеъ ва ҳолати имондорро ифода мекунад. Хусусияти мавқеи ӯ аз он иборат аст, ки ӯ мурд. Ҳолати ӯ бошад чунин аст, ки ӯ *узвҳои заминии* худро кушта, худро барои гуноҳ бояд мурда ҳисобад. Мавқеи мо он аст, ки мо дар Масеҳ ҷӣ мебошем. Ҳолати мо он аст, ки мо худамон дар худамон ҷӣ мебошем. Мавқеи мо атои Худост, ки онро бо имон ба Худованд Исои Масеҳ ба даст овардаем. Ҳолати мо ҷавобамон ба лутфу марҳамати Худост.

Дар ин ҷо ҳамчунин фарқи байни шариат ва файзро бояд зикр кард. Худо намегӯяд: «Агар зиндагии шумо аз гуноҳ озод шавад, пас Ман шуморо ба мурдан бо Масеҳ шарафманд хоҳам гардонид». Ин шариат мебуд. Мавқеи мо ба саъю кӯшиши шахсии мо вобаста мебуд, илова бар ин ки ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ ба ин мавқеъ намерасид. Ба ҷои он Худо мегӯяд: «Ба ҳамаи онҳое, ки ба Худованд Исо имон доранд, Ман ҳусни таваҷҷуҳи Худро мебахшам. Ва акнун равед ва мувофиқи чунин вазифаи баланд зиндагӣ кунед». Ин файз аст!

Вақте расул мегӯяд, ки мо бояд *узвҳои заминии худро кушем,* вай дар назар надорад, ки мо бояд ягон узви бадани ҷисмониамонро айнан несту нобуд кунем. Ин ифодаи маҷозӣ мебошад, ва ин дар ҷумлаҳои баъдина шарҳ дода мешавад. Калимаи *«узвҳо»* барои ифода кардани шаклҳои гуногуни нафси шаҳвонӣ ва палидӣ, ки баъдтар ном бурда шудаанд, кор фармуда мешавад.

Одатан алоқаи ҷинсии ғайриқонунӣ ё рафтори фосиқона, махсусан дар байни одамони оиладорнашуда *фосиқӣ* номида мешавад (Мат. 15,19; Марқ. 7,21). Баъзан ин мафҳум васеъ карда мешавад ва чун бадахлоқии ҷинсӣ тарҷума мешавад. *Нопокӣ* нопокии ниятҳо, суханон ё амалҳоро дар назар дорад. Дар ин ҷо на фасоди ҷисмонӣ, балки фасоди ахлоқӣ дар назар дошта шудааст. *Ҳавою ҳавас* ба шаҳвати пурзӯр ва худсарона ишора мекунад. *Майли бад* ба хоҳишҳои пурзӯр ва бо амалҳои зӯроварона алоқаманд далолат мекунад. *Тамаъ* умуман ҳарисӣ ё хоҳиши бисёртар доштанро ифода мекунад, аммо шояд дар ин ҷо асосан хоҳиши нопоки қонеъ кардани нафси шаҳвонии худро ифода мекунад, ки он *бутпарастист.*

Рӯйхат бо амалҳо сар шуда, бо сабабҳо ба охир мерасад. Шаклҳои гуногуни гуноҳҳои шаҳвонӣ тасвир шудаанд, ки баъдтар то сарчашма аз назар гузаронда мешаванд – то дили ҳариси одам. Каломи Худованд аниқ меомӯзад, ки муносибатҳои ҷинсӣ худ ба худ ягон чизи бад нестанд. Худо одамро офарида, ба ӯ қобилияти афзоишро ато намуд. Гуноҳ дар ҷое пайдо мешавад, ки он чи Худо меҳрубонона ба офаридаҳои Худ ато кард, барои мақсадҳои паст ва нопок истифода мешавад. Зино дар замонҳои Павлус гуноҳи асосии ҷаҳони бутпарастӣ буд ва бешубҳа, то алҳол мақоми аввалро нигоҳ медорад. Ҳангоме ки масеҳиён ба Рӯҳулқудс итоат намекунанд, гуноҳҳои зино аксаран ба ҳаёти онҳо дохил мешаванд ва бадахлоқшавии онҳоро ошкор мекунанд.

**3,6** Одамон гумон мекунанд, ки ин гуноҳҳои нафратоварро ба амал оварда, метавонанд аз ҷазо халос шаванд. Осмонҳо, чунон ки ба онҳо менамоянд, хомӯшанд, ва одам боз зиёдтар густох мешавад. Аммо Худо намегузорад, ки Ӯро тамасхур кунанд. *Ғазаби Худо мардуми беитоатро* ҷазо медиҳад. Чунин гуноҳҳо дар ин зиндагӣ беному нишон намегузаранд: оқибати бадахлоқии ҷинсиро одамон дар ҷисмҳои худ пайдо мекунанд. Илова бар он онҳо дар оянда ҳосили даҳшатноки доварӣро медараванд.

**3,7** Павлус ба кулассиён ёдрас менамояд, ки то имон овардани худ онҳо ба ин гуноҳҳо дода мешуданд. Аммо файзи Худо ба онҳо фуруд омад ва аз нопокӣ озод намуд. Ин боби ҳаёти онҳо акнун ба шарофати хуни Масеҳ рӯпӯш карда шуд. Акнун онҳо ҳаёти нав доранд, ки он ба онҳо қувват медиҳад, то барои Худо зиндагӣ кунанд. «Агар мо бар тибқи Рӯҳ зиндагӣ мекарда бошем, бояд бар тибқи Рӯҳ рафтор ҳам кунем» (Ғал. 5,25).

**3,8** Азбаски барои харида гирифтани онҳо баҳои ба ин андоза бузург пардохта шуда буд, акнун онҳо бояд ҳамаи инро ба монанди либоси ифлос *тарк намоянд.* Расул инро на танҳо ба шаклҳои гуногуни шаҳвати нопоки дар ояти 5 номбар шуда, балки ҳамчунин ба намудҳои гуногуни нафрати исёнкорона, ки вай онҳоро дар поён номбар мекунад, мансуб медонад.

*Ғазаб,* албатта, ҳисси қавии душманӣ, интиқомҷӯӣ, ҳисси устувори нафрат мебошад. Бо калимаи *«хашм»* ғазаби пурзӯре ки шояд дар якбора авҷ гирифтани асабоният ифода меёбад, тасвир мешавад. *Кина* – рафтори душманона нисбати шахси дигар ё ба обрӯи ӯ мебошад. Ин душмании бо ҳеҷ чиз асоснок нашуда мебошад, ки ба он манзараи азоби дигарон ҳаловат мебахшад. *Бадгӯӣ* дар ин ҷо таҳқир, яъне суханони дағалона ва тезу тунд дар ҳаққи касе, ҷанҷол дар шакли тезу тунд ва таҳқиромезро ифода мекунад. *Суханони зишт* – тарзи ифодаи бешармона, забони нангин, нафратовар мебошад; чунин гуфтор бешармона ва беадабона аст. Расул дар ин рӯйхати гуноҳҳо аз мақсад ба амалиёт мегузарад. Сангдилӣ дар дили одам тавлид меёбад ва баъдтар бо воситаҳои гуногуни дар боло зикргардида зоҳир мегардад.

**3,9** Дар ояти 9 расул амалан мегӯяд: «Бигзор рафтори шумо ба мавқеи шумо мувофиқат намояд». *Одами кӯҳнаро аз худ бадар карда,* акнун аз ӯ дар амалҳои худ даст кашида, аз дурӯғ парҳез кунед. Дурӯғ яке аз хусусиятҳои хоси *одами кӯҳна* мебошад ва ба он дар зиндагии фарзандони Худо ҷой нест. Дар ҳар як рӯзи зиндагонии худ мо ба васвасаи таҳрифи ҳақиқат дучор мегардем. Ин дар хоҳиши

пинҳон кардани маълумот ҳангоми пур кардани эъломияи андоз, рӯйбардор кардан дар имтиҳон ё ҳатто муболиға кардани ҷузъиёти ягон воқеа ифода ёфта метавонад. Дурӯғ дучандон ҷиддӣ шуда метавонад, агар худ аз худ шахси дигарро ранҷонад ё тасаввуроти бардурӯғ ба амал орад.

**3,10** Мо на танҳо одами кӯҳнаро аз худ дур кардаем, балки *одами навро* дар бар кардаем, *ки вай дар дониш ба шабоҳати Офаринандаи худ нав мешавад*. Чунон ки одами кӯҳна он аст, ки ҳамаи мо чун писарони Одам бо табиати навнашуда чӣ будем, ҳамчунин одами *нав* мавқеи нави моро чун фарзандони Худо ифода мекунад. Офариниши нав рӯй дод ва мо офаридаҳои нав мебошем. Мақсади Худо аз он иборат аст, ки ин одами нав боз ҳам бештар ба Худованд Исои Масеҳ монанд шавад. Бо он чи мо дар лаҳзаи ҳозира комёб шудем, ҳеҷ гоҳ қаноат набояд кард, ҳамеша ба пеш ҳаракат карданро давом додан лозим аст, ба сӯи мақсад – ба сӯи монандшавии боз ҳам бештар ба Наҷотдиҳанда. Ӯ намунаи ибрат ва меъёри зиндагии мост. Дар рӯзи меомада, ҳангоме мо назди Курсии Доварии Масеҳ ҳозир мешавем, Ӯ моро на аз рӯи он доварӣ хоҳад кард, ки ҳаёти мо аз ҳаёти дигарон то чӣ андоза беҳтар метофт, балки аз рӯи он ки ҳаёти мо то чӣ андоза бо ҳаёти Худи Худованд Исо мувофиқат мекард.

*Тимсоли Худо на дар ҷисми мо, балки дар зебоии ақл ва дили навшуда зоҳир мегардад. Покӣ, муҳаббат, фурӯтанӣ, ҳалимӣ, меҳрубонӣ ва омодагии омурзидан – ҳамаи ин нишонаҳо хислати илоҳиро ташкил медиҳанд.* (Қайдҳои ҳаррӯзаи ҷамъияти Навиштаи Муқаддас.)

**3,11** Дар офариниши нав, ки дар борааш расул мегӯяд, *на юнонӣ ҳаст, на яҳудӣ, на хатна, на бехатнагӣ, на барбар, на сакоӣ, на ғулом ва на озод, балки Масеҳ ҳама чиз ва дар ҳама чиз аст.* Фарқҳои миллӣ, динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аҳамият надоранд. Агар сухан дар бораи мақоми одам дар назди Худо равад, ҳамаи масеҳиён баробаранд ва ин қоида дар ҷамоати маҳаллӣ бояд риоя карда шавад.

Ин онро ифода намекунад, ки дар байни аъзоёни ҷамоат ҳеҷ гуна фарқ нест. Баъзеҳо қобилияти мавъизаи Хушхабарро доранд, дигарон бошанд қобилияти шубонӣ доранд, сеюмиҳо истеъдоди муаллимӣ доранд. Баъзеҳо дар ҷамоат хизмати усқуфҳоро, дигарон диаконҳоро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, ояти таҳқиқшаванда фарқҳои ба одамон хосро кам намекунад.

Ҳамчунин ин оятро набояд чунин фаҳмид, ки ҳамаи фарқҳои номбаршуда дар ҷаҳон дигар вуҷуд надоранд. Ин тавр нест. Ҳоло ҳам *юнонӣ* ва *яҳудӣ* ҳаст. Дар ин ҷо дар зери калимаи *юнонӣ* ҳамаи халқҳои ғайрияҳудӣ дар назар дошта шудаанд. То алҳол *хатна* ва *бехатнагӣ* ҳаст. Ин ду калима одатан дар Аҳди Нав барои ифода намудани яҳудиён ва ғайрияҳудиён ба кор бурда мешаванд. Аммо дар ин ҷо онҳо аслан расму русумеро ифода карда метавонанд, ки яҳудиён ба ҷо меоранд ва ғайрияҳудиён риоя намекунанд.

То ба ҳол *барбар* (одами бефарҳанг) ва *сакоӣ* ҳаст. Дар ин ҷо ин ду калима муқобил гузошта намешаванд. *Сакоиҳо* низ барбарон буданд, вале одатан онҳоро ба шакли охирини барбарият мансуб медонистанд: онҳо аз ҳама ваҳшитарин ва бадхашмтарин буданд. Охирин – муқобил гузоштани *озод* ва *ғулом*. Калимаи *«озод»* ба онҳое тааллуқ дорад, ки ҳеҷ гоҳ дар асирӣ набуданд, касоне ки озод зода шудаанд. Барои масеҳӣ ин фарқҳои дунявӣ дигар аҳамият надоранд. Танҳо Масеҳ аҳамият дорад. Барои масеҳӣ Ӯ ҳама чиз ва дар ҳама чиз мебошад. Ӯ марказ ва пиромуни зиндагонии масеҳиро ифода мекунад.

Усқуф Райл ҷасурона ин ҳақиқатро тасвият мекунад:

*Ин суханон – Масеҳ дар ҳама чиз – моҳият ва ҷавҳари масеҳиятанд. Агар дилҳои мо ҳақиқатан бо ин суханон розӣ шаванд, ин барои ҷони мо хуб аст ... Бисёриҳо ба Масеҳ дар дини худ ҷои муайянро ҷудо мекунанд, вале ин на он ҷоест, ки онро Худо барои Ӯ муайян кардааст! Барои ҷони онҳо Масеҳ «ҳама чиз дар ҳама чиз» намебошад. Не! Ҷони онҳо ё ба Масеҳ ва ҷамоат, ё ба Масеҳ ва фаризаҳо, ё ба Масеҳ ва хизматгузорони дастгузоштаи Ӯ, ё ба Масеҳ ва тавбаи худ, ё ба Масеҳ ва некӯкории худ, ё ба Масеҳ ва дуоҳои худ, ё ба Масеҳ ва самимияту эҳсонкории худ умед мебандад.*[18]

**3,12** Дар ояти 10 Павлус гуфт, ки мо одами навро дар бар кардем. Акнун ӯ якчанд роҳи амалии дар зиндагии ҳаррӯзаамон ба амал овардани инро нишон медиҳад. Пеш аз ҳама ӯ ба кулассиён чун ба *интихобшудагони Худо* муроҷиат менамояд. Ин суханон онро ифода мекунанд, ки онҳо пеш аз офариниши

ҷаҳон дар Масеҳ аз тарафи Худо баргузида шуда буданд. Файзи интихобии Худо яке аз асрори ваҳйи Худост. Мо боварӣ дорем, ки дар Навишта аниқ гуфта шудааст, ки Худо дар тавоноии Худ одамонеро, ки ба Масеҳ мансуб хоҳанд буд, интихоб менамояд. Мо чунин намеҳисобем, ки Худо ягон вақт ягон касро барои лаънат интихоб карда бошад. Чунин таълимот ба Навишта рӯйирост мухолиф аст. Мо ба лутфу марҳамати Худо, ки одамонро интихоб менамояд, боварӣ дорем, аммо ба он низ боварӣ дорем, ки одам барои интихоби худ ҷавобгар аст. Худо одамонро бидуни ихтиёри онҳо наҷот намедиҳад. Худи ҳамон Навиштаи Муқаддас, ки «бо пешгӯии Худо интихоб шудаанд» мегӯяд, ҳамчунин мегӯяд: «Касе, ки номи Худоро хонад, наҷот меёбад».

Сипас Павлус ба куласиён муроҷиат менамояд: *муқаддасон* ва *дӯстдоштагон. Муқаддасон* шахсони аз гуноҳ покшударо ё онҳоеро ифода мекунад, ки Худо аз ҷаҳон интихоб кардааст. Мо аз ҷиҳати мақоми худ муқаддас ҳастем ва муқаддасии амалиро дар зиндагии худамон бояд нишон диҳем. Азбаски ба мо муҳаббати Худо паҳн мешавад, мо хоҳиш дорем, ки дар ҳар кори мекардаамон ба Ӯ писанд оем.

Акнун Павлус некӯкориҳои масеҳиро, ки мо бояд онро *дар бар кунем,* тасвир менамояд. *Дилсӯзӣ* дар дили пур аз тараҳҳум ва дилсӯзӣ тавлид меёбад. *Меҳрубонӣ* кӯшиши беғаразонаи ба дигарон хубӣ кардан аст. Он дар муҳаббат ва муносибати хайрхоҳона ба одамон аст. *Хоксорӣ* маънои фурӯтанӣ ва ба дигарон нисбат ба худ баҳои баланд доданро дорад. *Фурӯтанӣ* (ё ҳалимӣ) на заифӣ, балки аниқтараш қувваеро ифода мекунад, ки одамро ба browser дасткашӣ аз манфиатҳои шахсӣ ва муносибати меҳрубонона ба ҳамаи одамон қобил мегардонад. Вайн мегӯяд:

*Чунин ҳисобидан қабул шудааст, ки одами фурӯтан барои он чунин рафтор мекунад, ки худро ҳимоя карда наметавонад; вале Худованд фурӯтан буд, гарчанде ки дар ихтиёри ӯ қувваҳои беҳадду ҳисоби Худо буданд. Агар фурӯтанӣ бо ёрии тазодҳо тасвир карда шавад, пас он хислатест, ки ба худбоварӣ ва худпарастӣ муқобил аст. Ин оромии рӯҳ аст, ки аз ҳад зиёд сарбаланд намекунад, аммо худро ноумед ҳам намекунад, чунки умуман дар бораи «ман»-и худ фикр намекунад.*[19]

Агар *фурӯтанӣ* набудани ғурур бошад, пас *нармдилӣ* набудани алангаҳои хашм мебошад. *Пурсабрӣ* зоҳир намудан – таҳаммул кардан, ба иғво фирефта нашуда осудагиро нигоҳ доштан ва муддати зиёд ба таҳқир тоб оварда тавонистан аст. Дар он хурсандӣ ва муносибати хайрхоҳона ба дигарон бо устуворӣ дар азоб пайваст мешаванд.

**3,13** Ифодаи *«ба ҳамдигар тоқат кунед»* ҳамон сабру таҳаммулеро тасвир менамояд, ки мо бояд бо он ба хатоҳо ва аҷибиҳои бародарони худ муносибат намоем. Бо одамони дигар паҳлу ба паҳлу зиндагӣ карда, мо ногузир дар бораи камбудиҳои онҳо хоҳем донист. Ба мо аксаран файзи Худо зарур аст, то бо баъзе нишонаҳои хислати одамони дигар розӣ шавем, ҳамчунин айнан ҳамон тавре ки ба онҳо ҳам он лозим мешавад, то бо камбудиҳои мо розӣ шаванд. Аммо мо бояд пурсаброна ба якдигар муносибат намоем. *Якдигарро бахшед, агар касе аз дигаре ранҷида бошад.* Агар ба ин талабот таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, дар байни масеҳиён баҳсҳои тез ҳал намешуда кам ёфт мешаванд. Ҳангоме ки дигарон шуморо ранҷониданд, бахшоиш бояд онҳоро фаро гирад. Мо аксаран шикоят мешунавем: «Вале ӯ маро ранҷонд ...» Ин маҳз ҳамон вазъиятест, ки расул дар он моро ба бахшидан даъват менамояд. Агар моро наранҷонида бошанд, пас эҳтиёҷе ба бахшидан ҳам нест. Агар худи мо таҳқир карда бошем, бояд рафта бахшиш пурсем. Нармдилӣ дар назар дорад, ки мо аз дигарон намеранҷем, бахшиш бошад онро ифода мекунад, ки хашмро дар дили худ нигоҳ надорем. Аз эҳтимол дур аст, ки барои бахшиш водоркунандае беҳтар аз он чи дар ин оят оварда шудааст, ёфт мешуда бошад: *чунон ки Масеҳ шуморо бахшидааст, шумо низ чунин кунед.* Чӣ тавр *Масеҳ* моро *бахшид?* Ӯ моро бе ҳеҷ гуна асос бахшид. Мо низ бояд чунин рафтор намоем.

Ӯ моро пурра бахшид. Мо низ бояд чунин кунем. Ӯ бахшид ва фаромӯш кард. Мо низ ба ин даъват шудаем. Ҳам дар он ки чӣ гуна Ӯ инро кард ва ҳам дар он ки ба кадом андоза Ӯ моро бахшид, мо бояд ба ибрати бисёр хубе ки ба мо Худованди пурҷалоли мо нишон медиҳад, пайравӣ намоем.

**3,14** Оиди *муҳаббат* дар ин ҷо, чун оид ба либоси болоӣ ё оид ба миёнбанде гуфта мешавад, ки тамоми некӯкориҳои боқимондаро

якҷоя мепайвандад, то ки *камол* ба вуҷуд оварда шавад. Вай ҳамаи нишонаҳои хислати масеҳиро дар мутобиқат нигоҳ медорад. Шояд шахс дар дили худ ҳақиқатан муҳаббат надошта, баъзе аз некӯкориҳои дар боло номбаршударо зоҳир карда метавонад. Бинобар ин Павлус дар ин ҷо таъкид мекунад, ки ҳама чизе ки мо мекунем, бояд дар рӯҳи муҳаббати самимӣ ба бародарони худ кунем. Рафтори мо набояд маҷбурӣ бошад, балки аз муҳаббати самимӣ аз тахти дил сар занад. Гностикҳо донишро *камарбанди камол* меҳисобиданд, аммо Павлус онҳоро ислоҳ карда, исрор мекунад, ки *муҳаббат камарбанди камол* аст.

**3,15** *Осоиши Худо дар дилҳои* мо бояд дар нақши довар баромад кунад. Агар мо ба ягон чиз шубҳа дошта бошем, бояд ба худ савол диҳем: «Оё ин ба осоиштагии рӯҳӣ мусоидат мекунад?» ё: «Агар ман инро кунам, оё дар дили ман осоиш мешавад?»

Ҳангоме мо саъй мекунем аз Худованд маслиҳат гирем, ин оят ба мо ёрӣ медиҳад. Агар Худованд ҳақиқатан хоҳад, ки шумо ба иҷрои ин ё он амал шуруъ намоед, Ӯ, бешубҳа, ба шумо *осоиши* рӯҳонӣ медиҳад. Агар дар дили шумо оромӣ ва осоиш набошад, шумо набояд ба кор сар кунед. Чунон ки гуфта мешавад: «Агар рафтан ё нарафтан аниқ набошад, аниқ аст, ки мондан лозим аст».

Масеҳ моро даъват намуд, ки ҳам дар зиндагии шахсӣ ва ҳам дар ҷамоат аз осоиши Ӯ ҳаловат барем. Ба муҳим будани қисми охирини ин оят диққат диҳед: *ки шумо ба он дар як Бадан даъват шудаед*. Яке аз воситаҳои ба даст овардани оромӣ зиндагии ҷудо аз ҳамаи масеҳиёни дигар мебуд. Аммо Худо аз мо инро намехоҳад. Ӯ одамони танҳоро дар оилаҳо муттаҳид мегардонад. Аз рӯи мақсади Худо мо бояд дар ҷамоатҳои маҳаллӣ муттаҳид гардем. Ҳарчанд зиндагӣ бо масеҳиёни дигар баъзан санҷиши пурсабрии мо мешавад, ба ҳар ҳол Худо ба ин тариқ дар масеҳӣ некӯкориҳоеро, ки Ӯ бо ягон роҳи дигар ҳосил карда наметавонист, инкишоф дода метавонад. Бинобар ин мо набояд аз ҷамоатҳои маҳаллии худ дур шавем, ҳангоми хашмгинӣ ва озурдагии худ онҳоро тарк накунем. Аниқтараш, мо бояд кӯшиш кунем, ки бо бародарони худ дар имон бо ризоият зиндагӣ кунем ва ба онҳо дар ҳар он чи мо мекунем ва мегӯем, ёрӣ диҳем.

*Ва шукргузор бошед*. Ин суханон гаштаву баргашта дар номаҳои Павлус такрор мешаванд. Шояд барои ин ягон асоси ҷиддие буд: Рӯҳи Худо рӯҳи *шукргузорро* хеле муҳим ҳисобид. Мо низ чунин меҳисобем, ки ин чунин аст, илова бар ин он на танҳо барои зиндагии рӯҳонии одам, балки барои ҳолати ҷисмонии ӯ низ муҳим аст. Табибон ошкор намуданд, ки муносибати зиндадилона, сипосгузорона нисбати ҳаёт ба организм таъсири муфид мебахшад, аммо ноороми, рӯҳафтодагӣ ва норозигӣ дар дил барои саломатии одам аниқ зарар доранд. Ҳамаи ин чандин асрҳо пештар дар Навишта зикр шудааст. Одатан мо чунин меҳисобем, ки шукргузорӣ ҳиссест бевосита муайяншаванда бо ҳолатҳое ки дар он ҳастем, аммо Павлус дар ин ҷо нишон медиҳад, ки ин некӯкориест, ки онро инкишоф додан зарур аст. Мо аз тамоми халқҳои ҷаҳон асоси бештаре дорем, то *шукргузор* бошем (муқоиса намоед Так. Шар. 33, 29). Ва дар носипосии мо на ягон гуна вазъият, балки танҳо дилҳои худпарасти мо айбдоранд.

**3,16** Гузоштани аломатҳои китобатӣ дар ояти 16 мухолифат ба амал меорад. Дар нусхаи асли Аҳди Нав аломатҳои ист (китобатӣ) набуданд, маънои чунин банд бошад ба андозаи зиёд бо аломатҳои ист (китобатӣ) муайян карда мешавад. Мо варианти зеринро пешниҳод менамоем: *Бигзор каломи Масеҳ андаруни шумо ба фаровонӣ сокин шавад ва бо ҳар гуна ҳикмат якдигарро таълим диҳед ва насиҳат кунед; бо таронаҳои Забур, сурудҳои ситоишӣ ва* рӯҳонӣ дар файз дар дилҳои худ барои Худованд сароед.

Ба ин тариқ, оят ба се қисм тақсим мешавад. Пеш аз ҳама мо бояд *ба каломи Масеҳ* иҷозат диҳем, ки *ба фаровонӣ* дар мо сокин шавад. *Каломи Масеҳ* – таълимоти Масеҳ мебошад, ки дар Навиштаи Муқаддас ҳаст. Ҳангоме ки мо дилҳои худ ва хиради худро бо каломи муқаддаси Ӯ пур мекунем ва кӯшиш мекунем мувофиқи он зиндагонӣ кунем, он гоҳ *каломи Масеҳ* ҳақиқатан дар дилҳои мо реша медавонад.

Ақидаи дуюм аз он иборат аст, ки мо бояд *бо ҳар гуна ҳикмат якдигарро таълим диҳем ва насиҳат кунем*. Ҳар як масеҳӣ барои ин дар назди бародарон ва хоҳарони худ дар Масеҳ ҷавобгар аст. Калимаи *«таълим додан»* бо асосҳои имон алоқаманд аст, дар ҳоле ки

*«насиҳат кардан»* ба вазифадорӣ нисбат дорад. Вазифаи мо дар назди бародарон он аст, ки дониши худро дар бораи Навишта ба онҳо расонем ва кӯшиш намоем ба онҳо бо насиҳати амалӣ ва худотарсона ёрӣ диҳем. Ҳангоме ки насиҳатҳо бо хирадмандӣ дода мешаванд, онҳо нисбат ба он ки бо қудрат, аммо беандеша ё бе муҳаббат сухан ронем, зудтар тарафдорӣ меёбанд.

Ақидаи сеюм чунин аст: *таронаҳои Забур, сурудҳои ситоишӣ ва рӯҳониро* мо бояд *барои Худованд дар файз дар дилҳои* худ хонем. *Таронаҳои Забур* – оятҳои аз Худо илҳомгирифта мебошанд, ки дар китоби ҳамном ҷойгир кунонида шудаанд ва чун як қисми хизматгузории дини яҳудӣ иҷро карда мешуданд. Дар зери мафҳуми *сурудҳои ситоишӣ* одатан сурудҳои ҳамду сано дар назар дошта шудаанд, ки ба Худо Падар ё Худованд Исои Масеҳ ирсол шудаанд. Масалан:

*Исо! Худи андеша дар бораи Ту*
*Дили маро бо шодӣ пур мекунад,*
*Вале басо хуштар аст дидани талъати Ту*
*Ва дар паҳлуи Ту оромиро дарёфтан.*

(Ба Бернар аз Клерво нисбат дода мешавад.)

Ин *сурудҳои ситоишӣ* ба ҳамон маъное ки таронаҳои Забур мебошанд, аз Худо илҳомгирифта намебошанд. *Сурудҳои рӯҳонӣ* гуфта ашъори диниро меноманд, ки таҷрибаҳои масеҳиёнро *тасвир менамоянд*. Суханони зерин ҳамчун намуна ба ин хизмат карда метавонанд:

*Чӣ гуна тез-тез мо оромиро аз даст медиҳем*
*Ва дарди нолозимро аз сар мегузаронем,*
*Вақте ҳама чизро дар дуо*
*Ба Худованд намесупорем.*

Ҷозеф Скривен

Сурудҳои динии гуногунро истифода бурда, мо бояд *ба Худованд бо файз,* ё бо миннатдорӣ *дар дилҳои* худ суруд хонем. Шояд дар ин ҷо гуфтан бамаврид аст, ки масеҳӣ дар мусиқие ки истифода мебарад, бояд нозукии табъро нишон диҳад. Бисёрии мусиқии масеҳии ҳозиразамон саҳлангорона ва тиҳист. Қисми зиёди чунин мусиқӣ тамоман бо рӯҳи Навишта мувофиқат намекунад ва зиёда аз ин ба поп ва роки дунявӣ чунон монанд аст, ки худи номи Масеҳро беобрӯ мекунад.

Ояти 16 бо Эфесусиён 5,18.19 хеле наздик аст, ки дар он мехонем: «Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд; балки аз Рӯҳ пур шуда, ба якдигар бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ сухан гӯед ва дар дилҳои худ барои Худованд бисароед ва тараннум намоед». Фарқи асосӣ дар байни онҳо он аст, ки Павлус ба ҷои суханони «аз Рӯҳ пур шуда» дар кулассиён 3,16 суханони *«Бигзор каломи Масеҳ андаруни шумо ба фаровонӣ сокин шавад»-ро* ба кор мебарад. Яъне ҳам аз Рӯҳ пур шудан ва ҳам аз Каломи Худо пур шудан шарти зарурии зиндагии пур аз шодӣ, фоиданок ва босамар мебошад. То даме ки аз Каломи Худо пур нашавем, мо аз Рӯҳ пур намешавем, ва агар назорати замири дили худро ба Рӯҳулқудс надиҳем, омӯзиши Калом босамар намешавад. Оё дар ин ҳолат ба хулоса наомадан мумкин аст, ки аз Рӯҳ пур шудан аз Каломи Худо пур шуданро ифода мекунад? Аз Рӯҳ пур шудан дар зиндагии мо на дар натиҷаи як навъи бuҳрони тасаввуфӣ, балки аниқтараш ба туфайли хониши ҳаррӯзаи Навишта, дар бораи он андеша рондан, ба он итоат кардан ва дар зиндагӣ бо он дар ризоият будан ба амал меояд.

**3,17** Ояти 17 қонуни фарогир аст, ки рафтори масеҳиёнаи мо аз рӯи он ҳукм карда мешавад. Имрӯз барои одамони ҷавон махсусан душвор аст, то ба хулосае оянд, ки баъзе амалҳо дурустанд ё не. Ин оят, агар он аз ёд карда шавад, барои ҳалли мушкилоти зиёди ба ин монанд калид буда метавонад. Тафтиш бояд аз ин иборат бошад: «Оё ман инро *ба номи Исои Масеҳ* ба ҷо оварда метавонам? Оё ин ба ҷалоли Ӯ хизмат мекунад? Оё ман ба ин ризоияти Ӯро умедвор шуда метавонам? Оё ман мехоҳам, ки дар вақти омадан Ӯ маро дар сари ин кор пайдо кунад?» Дониста бошед, ки суханони мегуфтаамон ва корҳои мекардаамон бояд ба ин тафтиш дучор гарданд. Итоат ба ин ҳукм ҳама чизро дар зиндагӣ нексиришт мекунад. Сирри гаронбаҳотарини масеҳӣ он аст, ки ӯ ҳама чизро чунон мекунад, гӯё ки инро барои Худованд ва бахри ҷалоли Ӯ мекунад. Ва боз як маротиба расул суханони зеринро илова менамояд: *«Ба воситаи Ӯ Худои Падарро шукр гӯед»*. Шукр гуфтан! Шукр гуфтан! Шукр гуфтан! Ин вазифаи абадии он касоне мебошад, ки бо файз наҷот ёфтаанд ва касоне ки барояшон кӯшкҳои биҳиштӣ муҳайё карда шудаанд.

### Б. Рафтори сазовор дар хонаводаи масеҳӣ (3,18–4,1)

Дар ин порча Павлус ба аъзоёни оилаи масеҳӣ як қатор насиҳатҳо медиҳад. Ин насиҳатҳо то ояти 4,1 давом мекунанд. Ӯ ба занон ва ба шавҳарон, ба фарзандон ва ба падару модарон, ба хизматгорон ва ба соҳибон насиҳат мекунад. Дар назари аввал гузариш аз мавзуъҳое ки Павлусро ҷалб мекарданд, ба чунин предмети муқаррарӣ, чун зиндагии оилавӣ, хеле ногаҳонӣ намуданаш мумкин аст. Вале дар ҳақиқат ин ба дараҷаи олӣ пурмаъност.

---

## ОИЛАИ МАСЕҲӢ

Худо чунин меҳисобад, ки оила қисми хеле муҳими таркибии ҳаёти шахси масеҳист. Фикри басо машҳур: «Дасте ки гаҳвораро меҷунбонад, ҷаҳонро идора мекунад» ҳақиқатеро дар бар мегирад, ки аз ҳудуди он чи дар рӯ мехобад, берун мебарояд. Қонуну қоидаҳои оила аз тарафи Худо барои нигоҳ доштани бисёр чизҳое ки дар зиндагӣ арзиши ҳақиқӣ доранд, барпо шуда буданд. Ба андозаи он ки ба оила торафт камтар аҳамият дода мешавад, тамаддуни мо тезтар завол меёбад. Павлус дар 1Тимотиюс махсус таълим медиҳад, ки зиндагии оилавӣ аз тарафи Худо чун воситаи инкишофи хусусиятҳои рӯҳонӣ будан муқаррар гардидааст; аз рӯи он ки одам дар хона чӣ гуна худро идора мекунад, муайян кардан мумкин аст, ки оё ӯ ба нақши сарвари ҷамоат ба кор меояд ё не.

Дар оятҳои баъдина баъзе принсипҳои асосӣ тасвият карда мешаванд, ки мо бояд дар барпо кардани оилаи масеҳӣ мувофиқи онҳо амал намоем. Ҳангоми омӯхтани ин боб мо бояд талаботҳои ҳатмии зеринро ба эътибор гирем:

1. Дар хона «парастишгоҳ»-и оилавӣ бояд бошад – вақте ки аҳли оила ҳар рӯз барои хондани Навиштаи Муқаддас ва дуо ҷамъ меоянд.
2. Дар оила бояд падар сарварӣ намояд, ва ӯ бояд аз ҳокимияти худ хирадмандона ва бо муҳаббат истифода барад.
3. Зан ва модар бояд фаҳмад, ки хона маркази ҷавобгарии асосии ӯ дар назди Худо ва оила мебошад. Одатан аз рӯи ҳикмат нест, ки зан берун аз хона кор кунад. Албатта, вазъиятҳои мустасно мавҷуданд.
4. Зану шавҳар бояд ба фарзандон намунаи рафтори порсоёнаро нишон диҳанд. Онҳо дар ҳамаи корҳо бояд ҳамфикр бошанд, аз он ҷумла дар ҷазои фарзандон, ҳангоме он зарур аст.
5. Ба ягонагии оила диққати доимӣ талаб карда мешавад. Имконияти пурра ба кор, ба зиндагии ҷамъиятӣ ё ҳатто ба хизмати масеҳӣ фурӯ рафтан бениҳоят бузург аст, барои ҳамин ҳам фарзандон аз нокифоя будани муҳаббат, робита, насиҳат ва тартибу интизом азоб хоҳанд кашид. Писар ё духтари худсари худро мушоҳида карда, аксари падару модарон маҷбуранд бо таассуф эътироф намоянд: «Ва чун бандаат бо ин ё он коре шуғл дошт, вай ғоиб шуд» (1Подш. 20,40).
6. Се қоидаи асосӣ ҳаст, ки ба ҷазои фарзандон дахл дорад. Ҳеҷ гоҳ ҳангоми хашм ҷазо надеҳ. Ҳеҷ гоҳ беадолатона ҷазо надеҳ. Ҳеҷ гоҳ бе шарҳи сабаб ҷазо надеҳ.
7. Омӯхтани «юғро дар ҷавонии худ бардоштан» (Навҳ. 3,27), омӯхтани меҳнат кардан, ба худ ҷавобгариро қабул намудан ва арзиши пулро фаҳмидан ба фарзандон фоида дорад.
8. Ба ғайр аз ин, падару модарон-масеҳиён бояд аз амалӣ гардондани шавқу рағбатҳои дунявии худ дар фарзандон худдорӣ кунанд, балки баръакс, доимо ба онҳо нишон диҳанд, ки хизмат ба Худованди мо беҳтарин чизест, ки онҳо дар зиндагии худ карда метавонанд. Барои баъзеҳо ин хизмати касбӣ дар кори миссионерӣ буда метавонад; барои дигарон хизмат ба Худованд дар чаҳорчӯбаи касбу кори ғайридинӣ аст. Аммо ҳам дар ин, ҳам дар дигар ҳолат меҳнат барои Худованд бояд дар ҷои аввал бошад. Дар хона, дар кор ва дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷое ки бошем, бояд дар хотир дорем, ки мо Наҷотдиҳандаи худро намояндагӣ мекунем ва дар ҳар як сухан ва кори худ бояд сазовори Ӯ бошем ва мувофиқи фармудаҳои Ӯ амал кунем.

---

**3,18** Насиҳати аввалини расул ба *занон* ирсол шудааст. Ба онҳо фармон дода мешавад, ки *ба шавҳарон фармонбардор бошанд, чунон ки дар Худованд шоиста аст.* Мувофиқи андешаи Худо, шавҳар сарвари оила мебошад. Ба зан муқаррар гардидааст, ки ба шавҳари худ итоат кунад. Вай бояд ҳукмфармо набошад ва роҳбарӣ накунад, балки ҳар гоҳе ки садоқат ба Масеҳро зери хатар нагузошта, инро карда метавонад, ба роҳбарии шавҳар итоат намояд. Албатта, ҳолатҳое мешаванд, ки зан наметавонад ба шавҳари худ итоаткор бошад ва дар айни ҳол садоқати худро ба Масеҳ нигоҳ дорад. Дар чунин ҳолатҳо вазифаи ӯ дар назди Масеҳ дар ҷои аввал аст. Агар ба масеҳизан шавҳари сустирода (ё дар инкишофи рӯҳонӣ ақибмонда) насиб шуда бошад, вай, чунон ки ин оят ишорат мекунад, бояд ба ӯ дар ишғоли ҷои муносиб дар хона ёрӣ диҳад, на ин ки худаш аз боиси боақлтар будан ин ҷойро забт кунад.

**3,19** Дар Каломи Худо ҳама чиз хеле хуб ба мувозинат оварда шудааст. Расул ба занҳо чунин маслиҳат дода, бознамеистад; ӯ давом дода, изҳор менамояд, ки *шавҳарон* низ вазифа доранд. Онҳо бояд *занони худро дӯст доранд* ва *ба онҳо тундӣ накунанд.* Агар ин қоидаҳои одӣ риоя карда мешуданд, мушкилоти зиёди дар заношӯӣ ба вуҷуд меомада нест мешуданд ва оилаҳо дар Худованд хушбахттар мебуданд. Дар ҳақиқат, яқинан ҳеҷ як зан ба муқобили итоат ба шавҳаре ки ҳақиқатан ӯро *дӯст медорад,* эътироз намекард. Бояд зикр кард, ки шавҳар набояд зани худро ба итоат маҷбур созад. Агар вай итоат накунад, ӯ бояд бо ин ба Худованд муроҷиат намояд. Итоат аз тарафи ӯ бояд ихтиёрӣ бошад, «чунон ки дар Худованд дуруст аст».

**3,20** *Ба фарзандон* насиҳат садо медиҳад: *ба падару модарони худ дар ҳар бобат итоат намоед, зеро ки ин писандидаи Худованд аст.* Дар тамоми асрҳо оилаҳо дар асоси ду принсипи одӣ барпо ва мустаҳкам карда мешуданд: нуфуз ва итоат. Ин ҷо дар назди мо намунаи итоат мебошад. Диққат диҳед: итоат бояд *дар ҳар бобат* бошад, на танҳо дар корҳои нек, балки дар корҳое ки худ аз худ чандон форам нестанд.

Фарзандон-масеҳиёни падару модарони беимон аксар дар ҳолати вазнин мемонанд. Онҳо ба Худованд содиқ будан мехоҳанд, вале дар айни ҳол талаботҳоеро бояд ба эътибор гиранд, ки падару модарон арз мекунанд. Ба мо чунин менамояд, ки агар умуман онҳо падару модари худро ҳурмат кунанд, Худованд, дар навбати худ, онҳоро ҳурмат хоҳад кард. То замоне ки онҳо дар хонаи падару модари худ зиндагӣ мекунанд, уҳдадориҳои комилан муайян доранд. Албатта, онҳо он чиро, ки ба таълимоти Масеҳ мухолифат менамояд, набояд кунанд, аммо одатан инро аз онҳо талаб ҳам намекунанд. Аксар онҳо ба кардани коре ки нохуш намуданаш мумкин аст, маҷбур хоҳанд шуд, аммо то он замоне ки ин комилан кушоду равшан нодуруст ё пургуноҳ нашавад, онҳо онро чун барои Худованд карда метавонанд. Ҳамин тариқ онҳо барои падару модар чун шаҳодати хубе хизмат карда, барои назди Худованд овардани онҳо кӯшиш карда метавонанд.

**3,21** *Падарон* бояд *фарзандони* худро *ба хашм наоваранд, ки мабодо дилхунук шаванд.* Аҷиб аст, ки ин маслиҳат *ба падарон* ирсол шудааст, на ба модарон. Оё аз ин чунин намебарояд, ки падарон, нисбат ба модарон, ба чунин хато кардан бештар моиланд. Келлӣ тахмин менамояд, ки шояд модарон ба нозпарвард кардани фарзандон бештар моиланд.

**3,22** Аз ояти 22 то охири боб Рӯҳи Худо ба *ғуломон* муроҷиат менамояд. Зикр кардан ҷолиб аст, ки дар Аҳди Нав *ба ғуломон* ҷои зиёд ҷудо карда мешавад. Ин тасодуфӣ нест. Чунин таваҷҷуҳ нишон медиҳад, ки мақоми ҷамъиятии одам ҳар қадар паст бошад ҳам, дар ҳаёти масеҳиёна ба Каломи Худо содиқ буда, ӯ ба қуллаҳои баландтарин расида метавонад. Эҳтимол, ин ҳамчунин пешгӯии Худоро инъикос менамояд, ки аксари масеҳиён на ҳоким, балки хизматгор мешаванд. Ҳамин тавр, масалан, дар Аҳди Нав насиҳатҳои ба ҳокимони халқҳо нигаронидашуда хеле каманд, аммо маслиҳатҳои муҳим барои онҳое ҳаст, ки зиндагии худро ба хизмат ба дигарон мебахшанд. Одатан дар замонҳои Павлус ба ғуломон қариб диққат намедоданд ва, бешубҳа, масеҳиёни аввалин дар ҳайрат меафтоданд, ки ба онҳо дар ин номаҳо чӣ қадар диққат дода мешавад. Вале ин нишон медиҳад, ки чӣ гуна марҳамати Худованд, новобаста ба мавқеи ишғолкардаи одамон, бар онҳо фуруд меояд. Ч. Ҳ. Макинтош ёдовар мешавад: «Ғулом аз хизмат ба Худованд маҳрум нест. Уҳдадориҳои худро дар

пеши назари Худо содиқона иҷро намуда, ӯ чун зеби таълимот хизмат карда, ба Худованд ҷалол оварда метавонад».

Расул *ба ғуломон* маслиҳат медиҳад, ки *дар ҳама чиз ба хоҷаҳои заминии худ* итоат намоянд. Дар ин ҷо огоҳкунии боадабонае дар бораи он ҳаст, ки ин соҳибон танҳо *хоҷагони заминӣ* мебошанд. Ғуломон Соҳиби дигар доранд. Ӯ аз ҳама болотар аст ва ҳама чизеро, ки бо беэътибортарини фарзандони Ӯ рӯй медиҳад, мебинад. *Ғуломон* бояд на *бо хизматгузории зоҳирӣ, ҳамчун одампарастон, балки бо содадилӣ ва бо тарси Худо* хизмат кунанд. (Намунаи беҳтарини чунин хизматро дар ҳастӣ 24,33 дидан мумкин аст.) Вақте ки ба одам зулм мекунанд, ҳангоми аз паси ӯ назорат накардани соҳиб, дар ӯ махсусан майли дар кор суст ё бедиққат шудан пайдо мешавад. Аммо хизматгор-масеҳӣ дарк хоҳад кард, ки Худованд ҳамеша ӯро мебинад ва ҳарчанд шароити зиндагии ӯ дар замин хеле вазнин бошад ҳам, ӯ чун ба Худованд меҳнат хоҳад кард. *Бо содадилӣ* онро ифода мекунад, ки ниятҳои ӯ пок хоҳанд буд ба Худованд Исо мақбул будан.

Ҷолиби диққат аст, ки дар Аҳди Нав ақидаҳои муайян оид ба манъи ғуломдорӣ нестанд. Хушхабар вазъиятҳои иҷтимоиро бо роҳи инқилобӣ сарнагун намекунад. Лекин дар ҳама ҷое ки Хушхабар меомад, ғуломдорӣ решакан карда мешуд ва барҳам дода мешуд. Ин маънои онро надорад, ки акнун ин пандҳо барои мо аҳамият надоранд. Ҳамаи он чи дар ин ҷо гуфта шуд, барои муносибатҳои коргарон ва раисон хеле хуб қобили истифода аст.

**3,23** *Ҳар он чи* мо мекунем, бояд *аз ҷону дил* кунем, *монанди он ки барои Худованд бошад, на барои одамон.* Дар ҳар гуна шакли хизмати масеҳӣ, ба монанди ҳар соҳаи ҳаёт, корҳои зиёде ҳастанд, ки одамон онҳоро ногувор меҳисобанд. Эҳтиёҷ ба гуфтан нест, ки мо кӯшиш мекунем аз чунин кор дур бошем. Ин оят дарси хеле муҳимро дар бар мегирад, ки кори аз ҳама одиро низ муаззам ва нек гардонидан мумкин аст, агар он барои Худованд карда шавад. Ба ин маънӣ байни кори дунявӣ ва рӯҳонӣ фарқ нест. Ҳар гуна меҳнат муқаддас аст. Мукофот дар осмон на барои мавқеи барҷаста ё муваффақиятҳои намоён, на барои истеъдодҳо ё имкониятҳо, балки аниқтараш барои садоқат ато мегардад. Ҳамин тариқ, дар он рӯз одамони нонамоён ҳам мукофотонида мешаванд, агар онҳо вазифаҳои худро софдилона иҷро кунанд, *монанди он ки барои Худованд бошад.* Ду шиор, ки аксар дар болои дастшӯяки ошхона овезонанд, мегӯянд: «На чунон ки рост ояд, балки бо хурсандӣ» ва «Дар ин ҷо се маротиба дар як рӯз хизмат ба Худованд ба ҷо оварда мешавад».

**3,24** Дар замони ҳозира *Худованд* аз паси ҳама кор назорат мекунад ва ҳама коре ки барои Ӯ карда мешавад, лоиқи таваҷҷуҳи Ӯст. «Некӯии Худо некӯии одамро сазовори мукофот менамояд». Онҳое ки дар замин барояшон ҳиссаи кам мерасад, дар осмон *меросро подош мегиранд.* Биёед ҳангоме ки бори дигар маҷбур мешавем ягон чизро дар ҷамоат, ё дар хона, ё дар кор бар хилофи хоҳиши худ кунем, инро дар хотир дорем. Ин корро сархамона ва ба қадри ҳол беҳтар иҷро кардан – дар бораи Худованд шаҳодат додан аст.

**3,25** Павлус аниқ намекунад, ки дар ояти 25 ӯ киро дар назар дорад. Эҳтимол, дар бораи хоҷаи беинсоф, ки ба ғуломони худ зулму ситам мекунад, фикр кардан аз ҳама табиӣ мебуд. Эҳтимол, ғулом-масеҳӣ аз он монда шудааст, ки маҷбур аст ба талаботҳои беинсофонаи ӯ итоат намояд. «Аҳамият надорад, – мегӯяд Павлус, – Худованд дар ин бора ҳама чизро медонад ва Ӯ беинсофиро фаромӯш намекунад».

Вале ҳарчанд ин огоҳонидан ба хоҷагон дахл дошта тавонад ҳам, дар навбати аввал он ба ғуломон ирсол гардидааст. Беэътиноӣ дар кор, фиреб, коҳилӣ ё дигар шаклҳои бевиҷдонӣ ба назар нарасида намемонанд. Худо *рӯйбинӣ надорад.* Ӯ Соҳиби ҳама мебошад ва фарқҳои байни одамон барои Ӯ ҳеҷ аст. Агар ғуломон моли соҳибони худро дузданд (ки, эҳтимол, Онисимус чунин карда буд), онҳо барои ин дар назди Худо бояд ҷавоб диҳанд.

**4,1** Ин оят мантиқан бо ояти охирини боби 3 робита дорад. *Хоҷагон ба ғуломони* худ *одилона ва боинсофона рафтор кунанд.* Онҳо набояд барои онҳо подоши муносиб надиҳанд, балки барои кори кардаи онҳо бояд хуб музд диҳанд. Ин бевосита ба масеҳиён-кирокунандагон равона карда шудааст. Худо ба камбағалон зулму ситам карданро бад мебинад ва аз одамоне ки коргарони худро фиреб карда сарватманд шудаанд, ҳадя қабул намекунад. Худо аслан мегӯяд: «Пулҳои худро гиред; роҳҳое ки шумо бо ёрии онҳо ин чизҳоро ба

даст овардаед, ба ман маъқул нестанд» (ниг. Яъқ. 5,1-4). Хоҷагон набояд мағрур бошанд, онҳо бояд аз Худо тарсанд. Онҳо ҳам *дар осмон Хоҷае* доранд, Оне ки дар ҳама чиз одил ва росткор аст.

Пеш аз он ки ин қисмро ба охир расонем, зикр кардан ҷолиб аст, ки чӣ тавр расул Павлус ин мавзуъҳои ҳаёти ҳаррӯзаро доимо бо нури ҳокимияти Масеҳ равшан мекунад: 1) занҳо – чунон ки дар Худованд шоиста аст (о. 18); 2) фарзандон – чунон ки писандидаи Худованд аст (о. 20); 3) ғуломон – бо тарси Худо (о. 22); 4) ғуломон – монанди он ки барои Худованд бошад (о. 23).

### В. Зиндагии шахси масеҳӣ дар дуо ва шаҳодат бо сухан ва зиндагӣ (4,2-6)

**4,2** Павлус доимо ба халқи Худо оид ба боғайратӣ дар зиндагии дуогӯёна насиҳат мекунад. Бешубҳа, як чизе ки ҳангоми ба осмон рафтанамон оид ба он афсӯс хоҳем хӯрд, он аст, ки мо вақти зиёдро дар дуо намегузаронидем, махсусан вақте мефаҳмем, ки чӣ қадар дуоҳои мо беҷавоб намемонданд. Ҳама чизе ки бо *дуо* алоқаманд аст, аксаран ниҳонист, ба бисёр саволҳо мо наметавонем ҷавоб ёбем. Барои масеҳӣ дар ин масъала мавқеи беҳтарин он аст, ки ба таҳлил ва фаҳмидани сирҳои амиқтарини дуо кӯшиш накунад. Беҳтарин муносибат имони одиро нигоҳ дошта ва шубҳаҳои ақлиро дур партофта, дуо гуфтанро давом додан аст.

Мо на танҳо бояд *доимо бо дуо машғул* бошем, балки *дар он бедор* низ *бошем*. Ин дарҳол ба мо оид ба хоҳиши дар боғи Ҷатсамонӣ ба шогирдон нигаронидашуда ёдрас менамояд: «Бедор бошед ва дуо гӯед, то ки ба васваса нафтед». Онҳо ҳушёр набуданд ва бинобар ин ба зудӣ сахт хобашон бурд. Мо на танҳо бо хоб, балки инчунин бояд бо фикрҳои парешон, бо бепарвоӣ ва хаёлот мубориза барем. Инчунин мо бояд хабардор шуда истем, ки ҳамеша барои дуо гуфтан вақти кофӣ дошта бошем (Эфс. 6,18). Ва мо аз нав бояд *бо шукргузорӣ дуо* гӯем. Мо бояд на танҳо барои дуое шукргузор бошем, ки Худованд ба онҳо дар гузашта ҷавоб додааст, балки, имон дошта, ба Худованд ҳам барои дуоҳое ки ба онҳо Ӯ алҳол ҷавоб надодааст, метавонем шукр гӯем. Гай Кинг хеле хуб ҷамъбаст менамояд: «Дар муҳаббати Худ Ӯ ба мо беҳтарин чизро мехоҳад; дар хиради Худ Ӯ медонад, ки чӣ чиз барои мо беҳтар аст; ва додани ҳамон чизи беҳтарин ба мо дар ҳукми Ӯст».[20]

**4,3** Павлус аз кулассиён хоҳиш менамояд, то дар бораи ӯ ва хизматгорони Худованд, ки бо ӯ дар Рум мебошанд, *низ* дуо гуфтанро фаромӯш накунанд. Зикр кардан ҷолиб аст, ки ӯ на аз зиндон озод шуданро хоҳиш менамояд, балки онро, ки *Худо* ба ӯ *дарро* барои мавъизаи *калом воз кунад*. Расул мехост, ки Худо барои ӯ дарро кушояд. Чӣ гуна дарси муҳим барои мо! Мо мустақилона дарро кушода, ба осонӣ ба Масеҳ хизмат карда метавонем. Вале ин иштибоҳест, ки аз он мо бояд худдорӣ намоем. Агар Худованд барои мо дарҳоро кушояд, мо бо боварӣ даромада метавонем, воқиф аз он ки Ӯ моро раҳбарӣ менамояд. Аз тарафи дигар, агар мо дарро мустақилона кушоем, пас мо муътақид шуда наметавонем, ки Худованд маҳз ҳаминро мехоҳад ва ба зудӣ, гӯё барои Худованд меҳнат карда, мо пурра то воситаҳои дунявӣ фаромада метавонем. Хоҳиши Павлус аз он иборат аст, ки ба ӯ *дари калом* кушода бошад, то *сирри Масеҳро, ки ӯ барояш бандӣ аст, баён намояд*. Дар зери мафҳуми *сирри Масеҳ* дар ин оят сирри Ҷамоат дар назар дошта шудааст ва хусусан ҳамон ҷиҳати он, ки бо суханони «Масеҳ барои ғайрияҳудиён» муайян карда шуда метавонад. Ин ҳамон ҷиҳати махсуси Хушхабар аст, ки мавъизаи он ба Павлус супурда шуда буд. Маҳз аз ҳамон сабаб, ки вай ҷуръат намуд эълон кунад, ки ғайрияҳудиён низ ба монанди яҳудиён метавонанд наҷот ёбанд, сарварони яҳудӣ охири охирон муваффақ гардиданд, ки ӯ зиндонӣ шавад ва ба Рум фиристода шавад.

Баъзе муаллимони Навиштаҳо чунин меҳисобанд, ки сирри бузурги Ҷамоат ба Павлус дар зиндон ошкор гардида буд. Бинобар ин онҳо ба «номаҳои зиндонӣ» диққати махсус медиҳанд, ки он таассуроте ба вуҷуд меоварад, гӯё онҳо аҳамияти Инҷилҳо ва дигар китобҳои Аҳди Навро ба эътибор намегиранд. Аммо аз ин оят аён аст, ки мавъизаи сирр *сабаби* зиндонӣ шудани ӯ буд ва бинобар ин, шояд, он ба ӯ якчанд муддат пеш аз ҳабси ӯ ошкор шуда буд.

**4,4** Ӯ кӯшиш менамояд *онро аён намояд,* яъне чунон мавъиза намояд, то он ба ҳамаи

одамон фаҳмо бошад. Ҳар як масеҳӣ, ки ба шаҳодат додан оид ба Масеҳ кӯшиш мекунад, бояд ба ин иштиёқманд бошад. Дар «чуқур фикр кардан» шуҷоати махсусе нест. Мақсади мо Хушхабарро ба тамоми инсоният расонидан аст; барои ба ин муваффақ шудан мо бояд мавъизаи худро одӣ ва равшан кунем.

**4,5** Масеҳиён бояд *бо онҳое ки берун аз ҷамоатанд, бо ҳикмат рафтор кунанд.* Дар гардиши ҳаррӯзаи худ онҳо бояд он чизро фаҳманд, ки беимонон онҳоро бо диққат назорат мекунанд. Ҷаҳон бештар на ба он чи мегӯем, балки ба он диққат медиҳад, ки мо чӣ тавр зиндагӣ мекунем. Эдгар Гест гуфтааст: «Ман ҳамеша дидани мавъизаро нисбат ба шунидани он афзалтар мешуморам». Ин онро ифода намекунад, ки масеҳӣ набояд оид ба Масеҳ бо забони худ шаҳодат диҳад, балки он дар назар дошта шудааст, ки рафтори ӯ бояд бо гуфтори ӯ мувофиқат намояд. Рафтори ӯ набояд боиси гуфтани чунин суханон гардад: «Хуб мегӯяд, вале бад мекунад».

*Фурсатро ғанимат дониста* ҳар гуна имкониятро истифода бурда. Ҳар рӯз ба мо барои шаҳодат додан оид ба қувваи наҷотбахшандаи Худованд Исои Масеҳ имкониятҳо дода мешаванд. Ҳангоме ки чунин фурсат дода мешавад, мо бояд ба истифодаи он тайёр бошем. Аксаран ин ягон хел қурбониро талаб мекунад. Аммо сарфи назар аз арзишаш, мо бояд тайёр бошем ба онҳое ки Наҷотбахшандаи арҷмандамонро намешиносанд, Ӯро мавъиза намоем.

**4,6** *Сухани* мо бояд *ҳамеша пурфайз, намакин* бошад, *то* мо *донем, ки ба ҳар кас чӣ гуна ҷавоб диҳем.* Агар нутқи мо бояд ҳамеша бо *файз* ҳамроҳ бошад, аз ин мебарояд, ки вай бояд боназокат, одӣ ва ба Масеҳ монанд бошад. Дар он ғайбат, густохӣ, нопокӣ ва ғазаб норавоянд. Ифодаи *«намакин»* якчанд маъно дошта меавонад. Баъзе шарҳдиҳандагон чунин меҳисобанд, ки агарчи нутқи мо бояд боилтифот бошад, вай бояд ба андозаи баробар софдилона ва бе риёкорӣ бошад. Дигарон *намакро* чун як чизи зиёдкунандаи маза баҳо медиҳанд ва чунин меҳисобанд, ки Павлус дар ин ҷо оид ба он сухан меронад, ки нутқи мо набояд дилгиркунанда, беранг ва бетароват, балки мароқангез ва муфид бошад. Лайтфут мегӯяд, ки муаллифони ғайрияҳудӣ калимаи «намак»-ро чун маҷози ифодакунандаи хушзеҳнӣ истифода бурдаанд. Павлус хушзеҳниро бо хирад иваз кард. Шояд воситаи беҳтарини шарҳ додани ин ифода омӯхтани нутқи Худованд Исо мебошад. Ба зани зинокор Ӯ гуфт: «Ман низ туро маҳкум намекунам; бирав ва минбаъд гуноҳ накун». Дар ин суханон ҳам файз ва ҳам намак ҳаст. Пеш аз ҳама файз аст: «Ман туро маҳкум намекунам» ва баъд аз он намак: «рав ва минбаъд гуноҳ накун». Дар назди чоҳи Яъқуб Худованд Исо ҳамчунин ба зан гуфт: «Ба ман ... об деҳ ... Рав ва шавҳаратро ҷеғ зан». Суханони аввал оид ба файз мегӯянд, дар ҳоле ки суханони охир ба мо яқинан оид ба намак ёдрас менамоянд.

*То донед, ки ба ҳар кас чӣ гуна ҷавоб диҳед.* Шояд расул аз ҷумла гностикҳоро дар назар дорад, ки ба назди кулассиён бо таълимоти ҳақиқатмонанди худ меомаданд. Аз кулассиён талаб карда мешуд, ки тайёр бошанд, то ба ин таълимотҳои бардурӯғ бо нутқи пур аз хирад ва имон *ҷавоб диҳанд.*

## Г. Маълумоти мухтасар оид ба баъзе ҳамсафони Павлус (4,7-14)

**4,7** Тихиқус, аз афти кор, он шахсе буд, ки расул Павлус аз Рум ба Кулассо бурдани ин номаро ба ӯ супурда буд. Макларен ба худ тасаввур менамояд, ки Тихиқус чӣ гуна дар ҳайрат меафтод, агар ба ӯ мегуфтанд, «ки ин порчаҳои пергамент аз ҳашамати зоҳирии Рум зиёдтар умр мебинанд ва ба шарофати дар онҳо зикр шудани номи ӯ то замонҳои охирин дар тамоми ҷаҳон ҳама ӯро хоҳанд донист».

Дар ин ҷо Павлус масеҳиёнро бовар мекунонад, ки Тихиқус омада, *тамоми* навигариҳоро оид ба корҳои расул ба онҳо *мегӯяд.* Хондани он гуворост, ки Павлус ин бародарро чӣ гуна меномад. Ӯ менависад, ки вай *бародари азиз ва хизматгузори бовафо ва ҳамкор дар Худованд* аст. Чунин тавсифҳо то чӣ андоза аз унвонҳои дабдабаноке ки дар замони мо мансабдорони ҷамоат бо онҳо номида мешаванд, матлубтаранд!

**4,8** Сафари Тихиқус ба Кулассо ду мақсад дошт. Аввалан, оид ба Павлус ва ҳамкорони ӯ дар Рум ахбороти аниқ диҳад, сониян, *дилҳои* кулассиёнро *тасалло диҳад.* Ва ин ҷо боз ҳам *тасалло додан* аз худи тасалло дида бештар устувор гардонидан ё рӯҳбаланд намуданро ифода менамояд (ниг. 2,2). Дар ниҳояти

кор хизмати ӯ ба онҳо дар муқобилат кардан ба таълимотҳои дар он замон паҳнгашта ёрӣ медод.

**4,9** Номи *Онисимус,* ки дар нома зикр шудааст, ба мо ҳодисаи зебоеро хотиррасон мекунад, ки дар Номаи Павлус ба Филемун тасвир ёфтааст. Онисимус ғуломе буд, ки барои аз ҷазо наҷот ёфтан ба Рум гурехта буд. Ба як тариқе ӯ бо Павлус вохӯрд, ӯ бошад вайро назди Масеҳ овард. Алҳол Онисимус назди хоҷаи аввалаи худ Филемун ба Куласcо баргашта рафтанист. Ӯ номаи Павлусро ба Филемун мебарад, дар ҳоле ки Тихиқус номаи ҷамоатро ба Куласcо бурда мерасонад. Ба худ тасаввур намоед, ки чӣ гуна изтироб дар байни масеҳиён дар Куласcо ҳукмрон буд, ҳангоме ки ин ду бародар бо номаҳо аз Павлус омаданд! Бешубҳа, онҳо, оид ба чигунагии корҳо дар Рум пурсуҷӯ карда ва оид ба мардонагии Павлус дар хизматаш ба Наҷотдиҳанда гӯш дода, то бевақтӣ нишаста монданд.

**4,10** Дар бораи *Аристархус* чизи зиёде маълум нест, ғайр аз он ки ӯ пештар ҳам барои хизматаш ба Худованд ҳабс шуда буд, ки ин дар Амалҳо 19,29 зикр гардидааст. Акнун ӯ *ҳамроҳи* Павлус дар Рум *дар ҳабс аст.*

*Марқус* дар ин ҷо *амакбачаи Барнаббо* номида шудааст. Ин марди ҷавон бо Павлус ва Барнаббо дар аввали кори миссионерии онҳо ҳамроҳ буд. Аз сабаби бемуваффақиятии ӯ Павлус ба хулоса омад, ки ӯро дар хона гузорад, аммо Барнаббо исрор менамуд, ки Марқусро ҳамроҳашон гиранд. Ин дар муносибати ду хизматгузори калон низоъ ба амал овард. Ва шунидани он гуворост, ки Марқус пурра фурӯ нағалтида буд ва алҳол ӯ аз нав боварии Павлуси аз таҳти дил дӯстдоштаашро ба даст овард.

Агар Марқус ба Куласcо биёяд, Павлус аз масеҳиёни маҳаллӣ қабул кардани ӯро хоҳиш менамояд. Ифодаи «ки *шумо дар бораи ӯ фармон гирифтаед»* ҳатмӣ нест онро ифода кунад, ки кулассиён пеш аз ин ҳам ягон хел нишондоди ба Марқус дахлдорро гирифта буданд. Он метавонад дастурҳоеро ифода кунад, ки Павлус ҳозир ба онҳо медиҳад: *агар наздатон биёяд, ӯро пазироӣ кунед.* Замони феъли *«гирифтаед»* онро ифода карда метавонад, ки ҳангоме кулассиён ин номаро мехонанд, аллакай дастур мегиранд. Зикр оид ба Марқус, ки Инҷили дуюмро навиштааст, ба мо онро ёдрас мекунад, ки *ҳамаи* мо ҳар рӯз Инҷил менависем:

*Ҳамаи мо Инҷилеро менависем: ҳар рӯз як боб; бо рафторҳо, хоҳишҳо, ақидаҳо, суханон. Амалҳои мо моро фош мекунанд – суханони дақиқ ва рост. – Бигӯ! Ту чӣ гуна Инҷилро менависӣ?*

**4,11** Номи боз як ҳамсафи Павлус *Исо* аст, *ки лақабаш Юстус аст.* Номи *Исо* (юн. «Иисус») дар он вақт паҳнгашта буд ва дар баъзе мамлакатҳо то алҳол низ чунин аст. «Иисус» муодили юнонии номи ибронии қадимаи Юшаъ мебошад. Бешубҳа, лақаби ин одам *Юстус* номида шуда буд, зеро ки дӯстонашмасеҳиён чунин меҳисобиданд, ки номи Писари Худоро доштан барои одам муносиб нест.

Се шахсе ки дар боло зикр гардиданд, яҳудиёни имондор буданд. Дар ҳақиқат *танҳо* онҳо яҳудиёне ҳастанд, ки *ҳамкорони* Павлус *барои Подшоҳии Худо* буданд, одамоне буданд, ки *сабаби тасаллии ӯ шудаанд.*

**4,12** Ҳангоме ки Павлус номаи худро ба охир мерасонад, *Эпафрос* ба ӯ ёдрас менамояд, ки аз номи ӯ ба бародарони дӯстдошта дар Куласcо салом расонад. Эпафрос, зодаи Куласcо, *дар дуоҳои* худ масеҳиёнро доимо ба ёд оварда, аз Худованд хоҳиш менамуд, *то ки* онҳо *комил буда ва аз тамоми хости Худо дилпур шуда, истодагарӣ кунанд.*

**4,13** Павлус *гувоҳӣ медиҳад, ки* Эпафрос на танҳо барои кулассиён, балки ҳамчунин барои масеҳиёни *Лоудикия ва Ҳиропулис* бо ҷидду ҷаҳд дуо мегуфт. Ин одам махсусан дар ҳаққи масеҳиёне ки бо онҳо шинос буд, ғамхорӣ мекард. Бешубҳа, рӯйхати одамоне, ки ӯ оид ба онҳо дуо мегуфт, хеле дуру дароз буд ва мо ҳайрон намешудем, агар ӯ дар дуои ҳаррӯзааш оид ба ҳар кадоми онҳо ёдовар мешуд. Дар «Навиштаи Муқаддаси нави англисӣ» ин оят чунин тарҷума шудааст: «Ӯ ҳамеша барои шумо бо ҷидду ҷаҳд дуо мегӯяд, то ки шумо дар имон устувор, дар эътиқод болиғ ва ба куллӣ ба иҷрои хости Худо содиқ бошед».

**4,14** Акнун Павлус ба кулассиён аз номи *Луқос, табиби маҳбуб, ва Димос* салом мегӯяд. Дар ин ҷо мо бо тазод дучор мегардем. *Луқос* ҳамроҳи Павлус бисёр сафар кардааст ва шояд ҳангоме ки ӯ бемор буд, ба таъқибот дучор гардида буд ё ба зиндон андохта шуда буд, ба ӯ ҷисман ва рӯҳан хизмат мекард.

*Димос,* баръакс, чанд муддат ба расул ҳамроҳӣ карда буд ва охири охирон Павлус маҷбур буд оид ба ӯ чунин гӯяд: «Зеро ки Димос ин дунёро дӯст дошта, маро тарк кард ва ба Тасолуникӣ равона шуд» (2Тим. 4,10).

### Ғ. Саломҳо ва маслиҳатҳои ба нома дахлдор (4,15-18)

**4,15** Саломҳо *ба бародароне ки дар Лоудикия мебошанд, ба Нимфос ва ба ҷамоате ки дар хонаи ӯст,* фиристода мешаванд. Дар бораи ҷамоат дар Лоудикия мо ҳамчунин дар Ваҳй 3,14-22 мехонем. Ҷамоати он ҷо нисбати корҳои Худо «ширгарм» шуда буд. Масеҳиён бениҳоят дунявӣ ва худписанд гардиданд. Ҳама корҳояшонро баҷо ҳисобида, ин одамон урён будани худро дарк намекарданд. Дар дастхатҳо дар хусуси мард (Нимфос) ё зан (Нимфа) ирсол гардидани ин саломҳо фарқҳо мавҷуданд. Зикр кардан кифоя аст, ки дар ин хона дар Куласco ҷамоат ҷамъ меомад. Дар он рӯзҳо масеҳиён чун ҳозира биноҳои зебо надоштанд. Аммо аксари мо бо ҷону дил ба он розӣ мешаванд, ки барои ҷамоат аз бинои зебо ё ҷиҳози дабдабанок дида қувваи Худо басо муҳимтар аст. Қувва ба бино вобаста нест; биноҳои бошукӯҳ аксар ба ҷамоат халал мерасонанд.

**4,16** *Баъд аз он ки ин нома* дар Куласco *хонда* хоҳад шуд, онро бояд *ба ҷамоати Лоудикия* фиристод, то ки онро дар он ҷо ҳам хонда тавонанд. Бешубҳа, ин кор карда шуд, аммо, аз он чи дар Ваҳй 3 навишта шудааст чунин хулоса мебарояд, ки эҳтимол, аҳли Лоудикия ба он чи дар нома буд, гӯш наандохтанд, ҳеҷ набошад, ин суханонро дуру дароз дар хотир нигоҳ надоштанд.

Павлус ҳамчунин ишорат менамояд, ки дар Куласco номае *ки аз Лоудикия аст,* бояд хонда шавад. Аниқ кардан мумкин нест, чӣ гуна номаро ӯ дар назар дорад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки номаи Павлус ба Эфесусиён дар назар дошта шуда буд. Дар баъзе дастхатҳои қадима дар Эфесусиён 1,1 калимаи «дар Эфесус» партофта шудааст. Ин ба тафсиркунандагон имконияти тахмин карданро дод, ки Нома ба Эфесусиён, эҳтимол, номаи умумӣ буд, ки он ба якчанд ҷамоатҳои гуногун, масалан, ба Эфесус, Лоудикия ва баъд ба Куласco ирсол гардида буд. Чунин нуқтаи назар бо он далел тасдиқ карда мешавад, ки дар Нома ба Эфесусиён дар муқоиса бо Нома ба Кулассиён ишора ба одамони муайян хеле камтар аст.[21]

**4,17** *Ба Архипус* гуфта шудааст, *то ӯ он хизматеро, ки дар Худованд ба уҳдаи худ гирифтааст, ба ҷо оварад.* Боз ҳам мо маълумоти муайян надорем, ки чӣ гуна *хизмат* дар назар дошта шудааст. Аксарият чунин меҳисобанд, ки Архипус писари Филемун буд ва дар хизмат ба ҷамоат дар Куласco фаъолона иштирок менамуд. Ин оят ба мо боз ҳам бештар фаҳмо мегардад, агар мо худро ба ҷои Архипус гузорем ва шунавем, ки чӣ гуна Рӯҳи Худо ба мо мегӯяд: *бохабар бош, то он хизматеро, ки дар Худованд ба зиммаи худ гирифтаӣ,ба ҷо оварӣ.* Ба ҳар яки мо Худованд ягон хел хизмат супурдааст ва ягон вақт аз мо ҳисобот талаб мекунад, ки онро чӣ гуна ба ҷо овардаем.

**4,18** Дар ин лаҳза расул ба *дасти* худ қалам гирифт ва бо номи ғайрияҳудии худ *Павлус* имзо гузошта, *саломҳои* хотимавиро навишт. Бешубҳа, *занҷирҳои* дасташ ба ӯ дар навиштан халал мерасониданд, онҳо ба ӯ оид ба худ ёдрас менамуданд ва ӯ ба кулассиён гуфт: *«Занҷирҳои маро дар хотир дошта бошед».* Садои занҷирҳо ва хишарроси қалам якҷоя аломати хотимавии он аст, ки занҷирҳои дастони мавъизагар Каломи Худоро занҷирбанд карда наметавонанд.[22]

Пас аз он ӯ номаро бо суханони *«Файз бо шумо бод. Омин»* ба охир расонд. А. Т. Робертсон менависад: «Аз калимаи *файз* дида ғанитар калима нест, зеро дар он тамоми муҳаббати Худованд аст, ва ин муҳаббат дар ҳамин зоҳир гардидааст, ки Ӯ ба мо Писари Худро ато кард».[23] *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) George Salmon, *A Historical Introduction to the Study of the Books of the New Testament,* саҳ. 384.
2. (Муқаддима) *New Bible Commentary,* саҳ. 1043.
3. (Муқаддима) A. T. Robertson, *Paul and the Intellectuals,* саҳ. 16.
4. (1,5) J. B. Lightfoot, *Saint Paul's Epistles to the Colossians and to Philemon,* саҳ. 134.
5. (1,11) A. S. Peake, *Colossians, The Expositor's Greek Testament,* ч. 3, саҳ. 499.
6. (1,14) Калимаҳои «бо хуни Худ» аниқ дар порчаи мувозӣ аз Эфесусиён 1,7 вомехӯранд, аммо онҳо на дар дастхатҳои қадимтарин (НА) ҳастанд, на дар як қатор дастхатҳои юнонӣ.
7. (1,18) Alfred Mace, маълумоти пурратаре нест.
8. (1,19) Шакли пурқувват кардашудаи «оикео» («катоикео»), ки дар ин ҷо истифода мешавад, сокин шудан, дар хона буданро дар назар дорад.
9. (1,22) Charles R. Erdman, *Epistle of Paul to the Colossians and Philemon,* саҳ. 46.
10. (1,23) Дар забони юнонӣ барои «агар» ду калима («эи» ва «эан») ва якчанд таркибҳои грамматикӣ барои нишон додани шакли шарте ки нависанда ё гӯянда онро дар назар дорад, ҳаст. Дар ин ҷо «эи» бо индикативи «эпименетэ» шакли якуми шартро (шарти реалӣ) мефаҳмонад. (Павлус худ аз худ маълум меҳисобад, ки онҳо дар имон устувор хоҳанд буд.)
11. (1,23) Pridham, маълумоти пурратаре нест.
12. (2,2) Alfred Mace, маълумоти пурратаре нест.
13. (2,9) Marvin Vincent, *Word Studies in the New Testament,* ч. 2, саҳ. 906.
14. (2,14) H. A. W. Meyer, *Critical and Exegetical Handbook to the Epistles to the Philippians and Colossians,* саҳ. 308.
15. (2,18) Калимаи «не» (дар тоҷикӣ пешоянди «на») дар матни НА партофта шудааст, аммо маъно аз ин қариб тағйир намеёбад. Оё онҳо дар ҳақиқат ягон чизро диданд ё не, ҳамаи ин чизҳои ҳеҷу пучи ҷисмонист.
16. (3,2) Robertson, *Intellectuals,* саҳ. 149.
17. (3,2) F. B. Hole, *Paul's Epistles,* ч. 2, саҳ. 105.
18. (3,11) J. C. Ryle, *Holiness,* саҳ. 436, 455.
19. (3,12) W. E. Vine, *Expository Dictionary of New Testament Words,* саҳ. 56.
20. (4,2) Guy King, *Crossing the Border,* саҳ. 111.
21. (4,16) Аз тарафи дигар, азбаски Павлус дар Эфесус се сол зиндагонӣ кард, ӯ дар он ҷо бо *он қадар* одамони *зиёд* шинос шуд, ки чанд тан аз онҳоро, дар айни ҳол боқимондагонро наранҷонида, интихоб намудан беасос мебуд.
22. (4,18) *New Bible Commentary,* саҳ. 1051.
23. (4,18) Robertson, *Intellectuals,* саҳ. 211.

# Рӯйхати адабиёт

**(Нома ба Кулассиён ва Филемун)**


Carson, Herbert M.
*The Epistles of Paul to the Colossians and to Philemon.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1960.

English, E. Schuyler.
*Studies in the Epistle to the Colossians:*
New York: Our Hope Press. 1944.

Erdman, Charles R.
*Epistles of Paul to the Colossians and Philemon.*
Philadelphia: Westminster Press, 1933.

King, Guy.
*Crossing the Border.*
London: Marshall, Morgan and Scott Ltd., 1957.

Lightfoot, J. B.
*Saint Paul's Epistle to the Colossians and to Philemon.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, чопи нав аз нашри соли 1879-и MacMillan.

Maclaren, Alexander.
*Colossians and Philemon, The Expositor's Bible.*
London: Hodder and Stoughton, 1988.

Meyer, H. A. W.
*Critical and Exegetical Handbook to the Epistles to the Philippians and Colossians.*
New York: Funk and Wagnalls, 1884.

Nicholson, W. R.
*Popular studies in Colossians: Oneness with Christ.*
Grand Rapids: Kregel Publications, 1903.

Peake, Arthur S.
*Colossians, The Expositor's Greek Testament, ч. 3.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1961.

Robertson, A. T.
*Paul and the Intellectuals.*
Nashville: Sunday School Board of the Southern Baptist Convention, 1928.

Rutherford, John.
*St. Paul's Epistles to Colossae and Laodicea.*
Edinburgh: T. & T. Clark, 1908.

Sturz, Richard.
*Studies in Colossians.*
Chicago: Moody Press, 1955.

Thomas, W. H. Griffith.
*Studies in Colossians and Philemon.*
Grand Rapids: Baker Book House, 1973.

Vine, W. E.
*The Epistle to the Philippians and Colossians.*
London: Oliphants, 1955.

# НОМАИ ЯКУМ БА ТАСОЛУНИКИЁН

*Ин нома беш аз ҳар кадом номаи дигари Павлус бо содагӣ, нармӣ ва муҳаббат фарқ мекунад ... бо ин ҳама розӣ ҳастанд.*

В. Грэм Скроггӣ

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Китоби аввали ҳар нависандаро одатан чун шаҳодати он ки аз аввал забони хуб ва бахшоиши ба одамон расонидани хабари худро дошт, хеле таъриф мекунанд. Пурра имкон дорад, ки Номаи якум ба Тасолуникиён аввалин номаи бо илҳоми илоҳӣ навиштаи Павлус аст. Ҳаҷми таълимоти масеҳие ки расул дар як муддати кӯтоҳи дар Тасолуникӣ буданаш ҷамоатро ба он ҳидоят намудааст, ҳайратовар аст. Таълимоти зиёде ки ӯ онҳоро ҳамчун чизҳои аллакай ба тасолуникиён маълум муҳокима мекунад, далели равшани онанд.

Имрӯзҳо бисёр масеҳиёни инҷилӣ бовар мекунанд ва ба он интизоранд, ки ҷамоат ба осмон бурда мешавад ва Худованди мо бори дуюм меояд. Аммо на ҳамеша ин тавр буд. Бедоршавии шавқ ба ин таълимот, хусусан дар асарҳои «Бародарон»-и аввалин дар Британияи Кабир (1825-1850), ба андозаи зиёд дар 1Тасолуникиён асос ёфта буд. Агар ин номаи хурд намебуд, фаҳмиши мо оид ба ҷанбаҳои гуногуни бозгашти Масеҳ хеле ночиз мебуд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Аслан ҳеҷ илоҳиётшинос мубоҳиса намекунад, ки 1Тасолуникиёнро ҳақиқатан Павлус навиштааст. Бисёр чизҳо инро тасдиқ мекунанд; мувофиқи суханони Фрейм, «магар ин ки касе тайёр аст бигӯяд, ки Павлус ҳеҷ гоҳ назиста буд ё ягон номаи ӯ боқӣ намондааст».[1]

Шаҳодатҳои берунии муаллифии Павлусро дар Поликарп, Игнатий ва Юстини Риёзаткаш, ҳамчунин дар қонуни Маркион ва қонуни Мураторӣ пайдо мекунем (нусхаҳои аввалини Навиштаи масеҳӣ – якумаш бидъаткорона, дуюмаш аз тарафи умум қабулшуда).

Шаҳодатҳои дохилӣ оид ба муаллифии Павлус луғат ва услуби расул ва назари нармдилонаи падари рӯҳонӣ мебошад. Истинодҳои таърихие ки дар нома ҳастанд, ба китоби Аъмол мувофиқат мекунанд. Ба ғайр аз ин, дар Тасолуникиён 1,1 ва 2,18 муаллиф худро Павлус меномад.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Номаи якум ба Тасолуникиёнро Павлус дар Қуринтус ҳангоми сукунати ҳаждаҳмоҳааш дар он ҷо, андаке пас аз он ки ба наздаш Тимотиюс омад, навиштааст (1Тас. 3,6; 2,17). Азбаски, чунон ки қабул шудааст, проконсул Ғолиюн (Аъм. 18) дар аввали тобистони соли 51-уми милодӣ мансабашро ишғол намуд, Павлус, аз афташ, ба Қуринтус дар аввали соли 50-уми милодӣ рахсипор шуд ва баъди андаке 1Тасолуникиёнро навишт. Қариб ҳамаи илоҳиётшиносон Номаро ба ибтидои солҳои 50-ум мансуб медонанд, ва, шояд онро аниқтар соли 50 ё 51-уми милодӣ санагузорӣ кардан дурусттар хоҳад буд – ҳамагӣ 20 сол пас аз рафтани Худованди мо ба осмон.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Ин ҳангоми сафари миссионерии дуюми Павлус воқеъ шуд, ки нури Хушхабар ба торикии Тасолуникӣ роҳ ёфт (Аъм. 17, 1-10).

Пас аз он ки Павлус ва Силоро аз ҳабсхонаи Филиппӣ сар доданд, онҳо аз Амфипулис ва Аполлония гузашта ба Тасолуникӣ омаданд. Дар он замон Тасолуникӣ ҳам аз ҷиҳати тиҷорат ва ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ шаҳри стратегӣ буд.

Павлус, ки ба низоми худ содиқ буд, ба куништ рафт ва ба матни Аҳди Қадим истинод намуда, нишон дод, ки Масеҳ мебоист ҷафо мекашид ва аз мурдагон зинда мешуд. Сипас ӯ фаҳмонд, ки Исои Носирӣ Масеҳи ваъдашуда буд. Павлус ҳамин тавр дар давоми се шанбе мавъиза мекард. Баъзе яҳудиён имон оварданд ва ҳамчун масеҳиён ҷонибдори Павлус ва Сило шуданд. Ба ғайр аз ин, бисёр прозелитҳои (навмазҳабҳои) юнонӣ, ва ҳамчунин миқдори зиёди занҳое ки дар шаҳр мартабаи намоён доштанд, имон оварданд. Аммо он яҳудиёне ки имон наоварданд, дар майдони бозор якчанд авбошонро ҷамъ намуда, шаҳрро ба шӯр оварданд ва хонаи Ёсунро, ки Павлус ва Сило он ҷо таваққуф намуда буданд, иҳота карданд. Онҳо муждабаронро дар хона наёфта, Ёсун ва якчанд имондорони дигарро дастгир карда, назди сардорони (политархҳои) шаҳр бурда, дар он айбдор карданд, ки онҳо тамоми ҷаҳонро ба шӯр андохтаанд. Ин таърифи беихтиёр буд! Сипас онҳо масеҳиёнро дар он айбдор намуданд, ки онҳо бар зидди қайсар суиқасд андешида, Подшоҳи худро, ки Исо ном дорад, дастгирӣ мекунанд. Сардорони шаҳр хавотир шуданд. Онҳо аз Ёсун ва рафиқонаш талаб карданд, ки барои меҳмононашон кафолат диҳанд, ва шояд дастурҳои қатъӣ доданд, ки онҳо аз шаҳр берун шаванд. Пас аз ин Ёсун ва ҳамаи дигарон озод карда шуданд.

Бародарони масеҳӣ дар Тасолуникӣ қарор доданд, ки оқилона мешавад, агар муждабарон шаҳрро тарк кунанд, ва шабона онҳоро ба Бирия равон карданд.

Ҷолиби диққат аст, ки Павлус ва Сило шаҳрро тарк карда, дар он ҷо ҷамоати имондоронро гузоштанд, ки дар таълимотҳои имон ҳидоят ёфта буданд ва таъқибот устувории онҳоро дарҳам нашикаста буд. Аз Аъмол 17,2 ба осонӣ хулоса баровардан мумкин мебуд, ки Павлус ва ҳамроҳонаш дар Тасолуникӣ ҳамагӣ се шанбе иқомат доштанд. Аммо, шояд ин ҷо танҳо вақте зикр шудааст, ки онҳо дар куништ мавъиза мекарданд. Павлус ва ҳамроҳонаш метавонистанд дар шаҳр се моҳро гузаронанд. Номаи расул ба имондорони Тасолуникӣ ба он далолат мекунад, ки сокинони шаҳр аз таълимоти масеҳӣ хуб огоҳӣ доштанд, ва аз эҳтимол дур аст, ки онҳо ин донишҳоро дар давоми се ё чор ҳафта ба даст оварда бошанд.

Аз Бирия Павлус ба Атино равона шуд (Аъм. 17,15), ва он ҷо ӯ шунид, ки имондорони Тасолуникӣ гирифтори таъқибот мебошанд. Ӯ хост аз аҳволи онҳо хабар гирад, аммо шайтон ба нақшаҳои ӯ халал расонд (1Тас. 2,17.18), бинобар ин ӯ ба он ҷо Тимотиюсро фиристод (3,1.2). Тимотиюс баргашта, умуман хабарҳои рӯҳбаландкунанда овард (3,6-8), ки расулро водор карданд, то ин Номаро нависад. Вай дар он фаъолияти миссионерии худро аз туҳматҳо ҳимоя менамояд, даъват мекунад, то аз бадахлоқие ки он вақт дар ҷамъият ҳукмфармо буд, даст кашанд ва ақидаи хаторо оид ба онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, ислоҳ мекунад. Вай онҳоеро сарзаниш мекунад, ки дар интизории омадани Масеҳ корро тарк кардаанд, ва ба муқаддасон исроркорона маслиҳат медиҳад, ки роҳбарони рӯҳонии худро эҳтиром намоянд.

Яке аз мавзуъҳои муҳимтарин дар 1Тасолуникиён – омадани дуюми Масеҳ аст. Оид ба ин дар ҳар яке аз панҷ боби Нома ақаллан як бор сухан меравад. Ҷ. Р. Ҳардинг Вуд ин мулоҳизаҳоро муттаҳид намуд ва ба хулосаи зерин омад:

*Дар масеҳие ки бозгашти Худованди мо Исоро интизор аст, набояд чизҳои зерин ҷой дошта бошанд: 1) бутҳо дар дил (1,9.10); 2) мусоҳилакорӣ ва беаҳамиятӣ дар хизмат (2,9.19); 3) ҷудоиҳо дар байни бародарон (3,12.13); 4) андӯҳ ва хастадилӣ (4,13-18) ва 5) гуноҳ дар зиндагӣ (5,23).*[2]

# Нақша


I. ДУРУД (1,1)
II. МУНОСИБАТҲОИ ШАХСИИ ПАВЛУС БО ТАСОЛУНИКИЁН (1,2–3,13)
  А. Тасолуникиёнро ситоиш кардани Павлус (1,2-10)
  Б. Хотирот аз фаъолияти миссионерии Павлус, хабари ӯ ва рафтораш дар Тасолуникӣ (2,1-12)
  В. Хотирот аз аксуламали тасолуникиён ба Хушхабар (2,13-16)
  Г. Чаро Павлус ба Тасолуникӣ баргашта натавонист (2,17-20)
  Ғ. Вазифаи Тимотиюс дар Тасолуникӣ (3,1-10)
  Д. Дуои махсуси Павлус (3,11-13)
III. НАСИҲАТҲОИ АМАЛӢ (4,1–5,22)
  А. Тақдис ҳамчун иҷрои хости Худо (4,1-8)
  Б. Муҳаббате ки дар ҳаққи дигарон ғамхорӣ мекунад (4,9.10)
  В. Ҳаёте ки ба дигарон шаҳодат медиҳад (4,11.12)
  Г. Умеде ки имондоронро тасалло медиҳад (4,13-18)
  Ғ. Рӯзи Худованд (5,1-11)
  Д. Насиҳатҳои гуногун ба муқаддасон (5,12-22)
IV. ДУРУДҲОИ ХОТИМАВӢ БА ТАСОЛУНИКИЁН (5,23-28)


# Тафсир

## I. ДУРУД (1,1)

**1,1** Нома бо номҳои се мард сар мешавад, ки дар шӯр андохтани тамоми ҷаҳон айбдор карда мешаванд. Ин айбдоркунӣ ҳамчун туҳмат андешида шуда буд, аммо дар асл он ба фаъолияти онҳо баҳои арзанда медод.

*Павлус* муаллифи Нома аст. *Силвонус ва Тимотиюс* дар ин вақт ҳамроҳи вай сафар мекарданд, бинобар ин вай номи онҳоро низ дохил кардааст. *Силвонус,* аз афташ, ҳамон Сило мебошад, ки ҳамроҳи Павлус дар зиндони Филиппӣ сурудхонӣ мекард (Аъм. 16,25). *Тимотиюс* бошад бародари ҷавон аз Лустра аст, ки ба Павлус пеш аз сафараш ба Тасолуникӣ ҳамроҳ шуда буд (Аъм. 16,1).

Нома *ба ҷамоати тасолуникиён, ки дар Худои Падар ва Худованд Исои Масеҳ аст,* навишта шудааст. Калимае ки мо ҳамчун «ҷамоат» тарҷума мекунем, он вақт барои ифодаи ҳама гуна ҷамъомади одамон истифода мешуд, бинобар ин расул Павлус мехоҳад равшан нишон диҳад, ки дар мавриди додашуда сухан на дар бораи кадом як ҷамъомади бутпарастон, балки оид ба ҷамъомади одамоне меравад ки бо *Падар* ҳамчун бо *Худо ва* бо *Исои Масеҳ* ҳамчун бо *Худованд* робита доранд.

Чунин дуруд, ба монанди *файз ва осоиш,* беҳтарин баракатҳоро дар бар мегирад, ки одам ҳангоми дар зери осмон буданаш гирифта метавонад. *Файз* ҳусни таваҷҷуҳест, ки мо сазовори он нестем, ё ҳадяи Худо дар ҳар як ҷанбаи ҳаёти мост. *Осоиш* осудагии пурраи халалнопазир аст, ки ба ҳама гуна вазъиятҳои ҳамаро харобкунандаи зиндагӣ муқобил меистад. *Файз* сабаб аст, ва *осоиш* – натиҷа. Расул Павлус пас аз калимаи «Падар» ҷонишини шахсии «мо»-ро гузошта, номҳои дутогии илоҳиро ҳамчун сарчашмаҳои баробари файз такрор мекунад.[3]

## II. МУНОСИБАТҲОИ ШАХСИИ ПАВЛУС БО ТАСОЛУНИКИЁН (1,2–3,13)

### А. Тасолуникиёнро ситоиш кардани Павлус (1,2-10)

**1,2-3** Павлус дар дуоҳои худ ҳамеша тасолуникиёнро зикр мекард. (Оё мо низ ҳамчунин собитқадам ҳастем, вақте бародарон ва хоҳарони масеҳиамонро ба ёд меорем?) Ва ӯ ҳамеша барои онҳо дуо мекард ва Худоро барои *кори имон, меҳнати муҳаббат* ва *сабри умеди* онҳо *шукргузорӣ* менамуд.

*Кори имон,* шояд, ба Худо бозгашт намудани онҳоро ифода мекунад. Ҳамчун *кор* тавсиф намудани *имон* он замонеро ба мо ёдрас мекунад, ки одамон аз Исо мепурсиданд: «Чӣ бояд кунем, ки аъмоли писандидаи Худоро ба ҷо оварда бошем?» Исо ба ин чунин ҷавоб дод: «Амали писандидаи Худо он аст, ки ба Он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред» (Юҳ. 6,28.29). Ба ин маъно имон амал ва ё кор аст. Аммо ин на он меҳнати вазнинест, ки шахс ба шарофати он сазовори эҳтиром мешавад ё метавонад фахр кунад. Имон ягона корест, ки одам метавонад ба ҷалоли Масеҳ ҳамчун Наҷотдиҳанда дастдарозӣ накарда, ва гуноҳкори беқувват будани худро инкор накарда, ба ҷо оварад. Имон корест, ки одамро ҷалол намедиҳад, балки офарида ба василаи он ба Офаридгори худ арзи сипос менамояд. Ифодаи *«кори имон»* бо имон зистанро низ дар бар мегирад, ки пас аз бозгашт кардан меояд.

Ба ғайр аз *кори имон* Павлус *меҳнати муҳаббатро* низ ба ёд меорад. Бо ин хизмати онҳо ба Худо дар назар дошта шудааст, ки асоси он *муҳаббат* ба Худованд Исо аст. Масеҳият – на ҳаёти тобеъ ба уҳдадорӣ, балки Шахсиятест, ки ба Ӯ аз рӯи муҳаббат бояд хизмат намуд. Бандаи Ӯ будан – дорои озодии пурра будан аст, ва «муҳаббати Ӯ меҳнати ғуломонаро илоҳӣ мегардонад». Ангезаи манфиат дар муқоиса бо муҳаббат – водоркунандаи паст, намоишкорона аст. Муҳаббат ба Масеҳ одамонро ба чунин хизмат ҳидоят менамояд, ки онро бо ҳеҷ гуна долларҳо андоза кардан имкон надорад. Тасолуникиён бо ҳаёти худ оид ба ин шаҳодат медоданд.

Ва ниҳоят, Павлус ба онҳо барои *сабри умед* шукргузорӣ мекунад. Ин ҷо бозгашти Исоро устуворона интизор будани онҳо дар назар дошта мешавад. Барои садоқати матини худ ба Исо онҳо таъқиб карда мешуданд. Аммо, ба қавли Филлипс, «сабри софи шикастнопазир»-и онҳо собит монд.

Ҳамаи инро Павлус *«ба ҳузури Худо ва Падари мо»* ба ёд меоварад. Ҳангоме ки расул дар дуо ба ҳузури Худо дохил мешуд, зодашавии рӯҳонӣ ва рушди муқаддасонро ба ёд меоварад ва барои имон, муҳаббат ва умеди онҳо шукргузорӣ менамуд.

**1,4** Расул боварӣ дошт, ки *Худо* ин муқаддасонро ҳанӯз пеш аз офариниши олам баргузидааст. Аммо ӯ инро чӣ гуна донист? Шояд, ӯ ягон хел фаросати фавқуттабиӣ дошт? Не, ӯ оид ба интихоб шудани онҳо аз он донист, ки онҳо Хушхабарро чӣ тавр қабул карданд.

Таълимот оид ба *интихоб шудан*[4] меомӯзонад, ки Худо одамони муайянро ҳанӯз то офариниши олам интихоб кардааст (Эфс. 1,4). Дар он ҳеҷ чизе оид ба он ки Ӯ ягон касро барои лаънат интихоб намуд, гуфта нашудааст. Одамон дар ниҳояти кор аз боиси гуноҳ ва беимонии худ ҳалок мешаванд.

Худи ҳамон Навиштаи Муқаддас, ки оид ба интихоб шудан таълим медиҳад, дар бораи масъулияти одам ё интихоби озоди ӯ таълим медиҳад. Ба тамоми одамони рӯи замин Худо наҷотро танҳо ба василаи имон пешниҳод мекунад. Ҳар касе ки ба назди Масеҳ меояд, гарму ҷӯшон истиқбол карда мешавад.

Ин ду таълимот дар бораи интихобшуда будан ва оид ба интихоби озод дар ақли инсон зиддияти оштинопазире бармеангезанд. Аммо Навиштаи Муқаддас ҳам ин ва ҳам онро таълим медиҳад, ва бинобар ин мо бояд ҳам ба ин ва ҳам ба он бовар кунем, ҳатто агар ин ду таълимотро мувофиқат дода натавонем ҳам.

Мо намедонем, ки киҳо интихоб шудаанд, ва аз ин сабаб бояд Хушхабарро ба тамоми ҷаҳон бирасонем. Гуноҳкорон набояд ба таълимот оид ба баргузида шудан истинод намуда, беимонии худро сафед кунанд. Агар онҳо тавба карда, ба Худованд Исои Масеҳ имон оваранд, Худо онҳоро наҷот медиҳад.

**1,5** Бо ибораи *«Инҷили мо»* Павлус хабареро дар назар надорад, ки аз хабари расулони дигар фарқ дошта бошад. Муҳтавои хабари онҳо як буда, фарқ дар хабаррасонҳо буд. Тасолуникиён Хушхабарро танҳо ҳамчун панду насиҳати динӣ баррасӣ намекарданд; онҳо, албатта, онро *дар сухан,* аммо *на танҳо дар сухан,* гирифтанд ва қабул карданд.

Ин хабар ба онҳо *дар қувват ва дар Рӯҳулқудс ва дар эътимоди бузурге* омад. 1) *Дар қувват.* Ин хабар дар ҳаёти онҳо бо қувваи фавқуттабиӣ амал карда, боиси эҳсоси гуноҳкорӣ, тавба ва бозгашт кардан гардид. 2) *Дар Рӯҳулқудс.* Сарчашмаи ин қувва Рӯҳулқудс буд. 3) *Дар эътимоди бузург.* Павлус дар ҳоли ба Хушхабар боварии амиқ доштан мавъиза кард. Тасолуникиён Хушхабарро бо боварии тамом ҳамчун Каломи Худо қабул карданд. Бинобар ин ҳаёти онҳо пур аз умед дар имон буд.

Акнун Павлус ба онҳо рафтори худро ҳангоми бо онҳо буданаш ёдрас мекунад. Вай на танҳо Хушхабарро мавъиза мекард, балки мувофиқи хабари мавъиза мекардааш мезист. Беҳтарин мавъиза ҳаёти муқаддасона аст.

**1,6** Бинобар ин Павлус гуфта метавонист: *Ва шумо тақлидкунандагони мо ва Худованд гардидед.* Интизори он будан мумкин буд, ки вай Худовандро ба ҷои аввал гузошта, мегӯяд: *«Худованд ва мо».* Аммо ин ҷо вай пайдарпайии таҷрибаи рӯҳонии онҳоро баён мекунад. Онҳо тасаввуроти аввалинро оид ба Худованд Исо ба воситаи ҳаёти расул гирифтанд.

Фикр оид ба он ки одамон бояд дар мо Масеҳро бинанд, таъсири ҳушёркунанда дорад. Мо бояд ба монанди Павлус гуфта тавонем: «Ба ман тақлид кунед, чунон ки ман ба Масеҳ тақлид мекунам» (1Қур. 11,1).

Ба он диққат диҳед, ки онҳо суханро *дар ранҷи бисёр бо шодӣ* қабул кардаанд. Маҳз ҳамин тавр онҳо ба Худованд ва расулон тақлид мекарданд. Аз берун ранҷу заҳматҳои зиёд буданд, аммо дар дарун шодӣ ҳукмфармо буд. Ҳамроҳии хеле ғайриодӣ! Одами дунявӣ дар як вақт ҳам андӯҳ ва ҳам хурсандиро ҳис карда наметавонад; барои вай ғам, андӯҳ чизест, ки хилофи шодӣ мебошад. Масеҳӣ *шодии Рӯҳулқудсро* дорад, ки ба шароитҳо вобаста нест; барои вай шодӣ хилофи гуноҳ аст.

*Ранҷи бисёр,* ки онҳо аз сар мегузарониданд, таъқиботе мебошанд, ки баъди имон овардани онҳо сар шуданд.

**1,7** Тасолуникиён масеҳиёни намунавӣ шуданд. Пеш аз ҳама ҳангоми таъқибот *шод* будани онҳо барои имондорони *Мақдуния ва Охоия,* яъне тамоми масеҳиёни Юнон намунае гардид.

**1,8** Аммо шаҳодати онҳо бо ин маҳдуд намешуд. Онҳо худашон иштирокро дар афзудани масеҳиён сар карданд. Ҳамчун чинҳои нозуки рӯи об, *каломи Худованд* мавҷвор, аввал дар *Мақдуния ва Охоия,* сипас *дар ҳама ҷо* паҳн мешуд. Ба зудӣ хабар оид ба *имони* тасолуникиён *ба Худо* чунон васеъ паҳн шуд, ки Павлусро лозим намеомад оид ба он сухан гӯяд, чунки одамон аллакай онро медонистанд.

Таъйиноти мо на дар он аст, ки нуқтаи ниҳоии баракат бошем; мо бояд ҷӯйҳое бошем, ки баракат ба воситаи онҳо ба дигарон ҷорӣ шуда метавонад. Худо дар дилҳои мо чунон медурахшад, ки нур одамони дигарро мунаввар сохта метавонад (2Қур. 4,6). Агар мо дар ҳақиқат оби наҷотро нӯшида бошем, пас, наҳрҳои оби ҳаёт ба сӯи атрофиёни мо ҷорӣ мешаванд (Юҳ. 7,37.38).

**1,9** Ҳама дар бораи он мегуфтанд, ки расул ва ҳамроҳонашро дар Тасолуникӣ пазироии шоҳона намуданд. Ба ғайр аз ин, ба ҳама маълум шуд, ки дар ҳаёти бисёр одамон дигаргуниҳои ҳайратовар ба амал омаданд. Онҳо *ба Худо аз бутҳо гашта, руҷӯъ намуданд* ва хости худро ба Худо мутеъ карданд, то ки ба Ӯ чун бандагон хизмат намоянд.

Диққат диҳед: онҳо *аз бутҳо гашта, ба Худо рӯ овlow оварданд,* на ин ки аз бутҳо ба Худо. Гап на дар бораи он буд, ки онҳо аз бутҳо сер шуда, Худоро санҷиданӣ шуданд. Не, онҳо аз он сабаб *ба Худо рӯ оварданд,* ки фаҳмиданд, ки Ӯ тамоми эҳтиёҷоти онҳоро пурра қонеъ мегардонад, ва бутҳои худро тарк карданд.

*Танҳо он нигоҳе ки Петрусро мулоим намуд,*
*Танҳо он симое ки Истефанус медид,*
*Танҳо он диле ки ҳамроҳи Марям мегирист,*
*Бутҳоро аз қудрат маҳрум карда метавонад.*

Ора Рауэн

Биёед ҳеҷ гоҳ ҳисси ҳаяҷон ва эҳтиромро, ки дар ин тасвир ҳаст, фаромӯш накунем. Ду кас ба шаҳри бутпарастон бо сухани Худованд меоянд. Дар қувваи Рӯҳ онҳо Хушхабарро мавъиза мекунанд. Муъҷизаи зодашавии нав ба амал меояд: мардон ва занон чунон мафтуни Наҷотдиҳанда шудаанд, ки бутҳои худро тарк мекунанд. Сипас онҳо ҷамоати маҳаллии имондоронро ташкил мекунанд, ки Худоро ҳамду сано хонда, дар тақдис зиндагӣ мекунанд, ба таъқибот мардонавор тоб меоваранд ва дигаронро барои Масеҳ ба даст меоранд. Ҳақиқатан, хизмат ба Худованд вазифаи олист!

**1,10** Тасолуникиён на танҳо ба Худои зинда ва ҳақиқӣ (бар хилофи бутҳо, ки ғайризинда ва бардурӯғанд) хизмат мекарданд, балки ҳамчунин бозомадани Худованд Исоро интизор буданд. Ба тафсилоте ки интизории онҳоро тавсиф медиҳанд, диққат диҳед:

1. Шахсият – *Писари Ӯ.*
2. Аз куҷо – *аз осмон.*
3. Кафолат – *Оне ки Худо Ӯро аз мурдагон бархезонд.*
4. Номи азиз – *Исо.*

5. Дурнамо – *ки моро аз ғазаби оянда халосӣ медиҳад.*

Ҳамин тариқ, дар оятҳои 9 ва 10 се ҷиҳати рафтор ва амалҳои тасолуникиён тасвир ёфтаанд:

Бозгашт намудан (муқоиса кунед бо кори имон, о. 3). Хизмат (муқоиса кунед бо меҳнати муҳаббат, о. 3). Интизорӣ (муқоиса кунед бо сабри умед, о. 3).

Ҷ. Р. Ҳардинг Вуд[5] онҳоро чунин таҳлил менамояд:

Пайравӣ – ба Худо назар дӯхтан.

Хизмат – ба дарав назар дӯхтан.

Интизорӣ – ба Исо назар дӯхтан.

Тасолуникиён аз *осмон Писари* Худоро интизор буданд. Ин имконияти бозомадани Ӯро ҳанӯз дар замони зиндагии онҳо дар назар дорад, аниқтараш, дар ҳар як лаҳзаи ҳаёти онҳо. Умеди масеҳӣ бозомадани Худованд Исо аст.

Мо онро дар бисёр ҷойҳои Аҳди Нав пайдо мекунем, ки баъзеашонро зикр мекунем:

Луқо 12,36: «Ва худатон монанди касоне бошед, ки ба хоҷаи худ интизорӣ доранд ...»

Румиён 8,23: «... мунтазири писархондагӣ ва раҳоии бадани худ мебошем».

1Қуринтиён 11,26: «Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва косаро менӯшед, марги Худовандро эълон мекунед, то даме ки Ӯ биёяд».

2Қуринтиён 5,2: «аз ин рӯ мо оҳ мекашем, дар орзуи он ки хонаи худро, ки дар осмон аст, дар бар кунем».

Ғалотиён 5,5: «Зеро мо дар Рӯҳ аз имон мунтазири росткорӣ ҳастем».

Филиппиён 3,20: «... Худованд Исои Масеҳро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор ҳастем».

Филиппиён 4,5: «Худованд наздик аст».

Титус 2,13: «Ва мунтазири умеди муборак ва зоҳиршавии ҷалоли Худои бузург ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем».

Ибриён 9,28: «... Масеҳ ... бори дуюм на аз барои бартараф кардани гуноҳ зоҳир мешавад, балки барои наҷоти онҳое ки Ӯро интизор доранд».

Яъқуб 5,7-9: «Пас, эй бародарон, то омадани Худованд пурсабр бошед ... Чунки омадани Худованд наздик аст. ... Довар назди дар истодааст».

1Петрус 4,7: «Аммо поёни ҳама чиз наздик аст».

1Юҳанно 3,3: «Ва ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед дорад, худро пок менамояд, чунон ки Ӯ пок аст».

Яҳудо 21: «... марҳамати Худованди мо Исои Масеҳро, ки ҳаёти абадӣ меоварад, мунтазир бошед».

Ваҳй 3,11: «Инак, ба зудӣ меоям»; 22,7: «Инак, ба зудӣ меоям»; 22,20: «Оре, ба зудӣ меоям! Омин. Оре, биё, эй Худованд Исо!»

Масеҳӣ медонад, ки эҳтимол, ба марг дучор хоҳад шуд, аммо вай ҳамчунин медонад, ки Худованд ҳар лаҳза омада метавонад ва он гоҳ вай маргро начашида, ба осмон хоҳад рафт.

Ҳеҷ пайтамбарии Навиштаҳо то бозомадани Масеҳ барои халқи Худ набояд иҷро шавад. Ин воқеаи бузурги дигар дар нақшаи Худост.

Мо наметавонем дар ҳар вақт интизори бозомадани Худованд бошем, агар ҳодисаи дигаре ё замони дигаре ба он халал расонданӣ бошад. Вазъияти шахси масеҳӣ, ки ба осмон бурда шудани вай пеш аз мусибати бузург ба амал меояд, – ана ягона чизе ки ба вай имкон медиҳад, то интизори имрӯз омадани Масеҳ бошад. Тамоми дигар нуқтаҳои назар инкор кардани наздикии бозгашти Ӯро талаб мекунанд.

Оне ки мо интизораш ҳастем, – Исо, Халосгари мо *аз ғазаби оянда* аст. Чунин тасвири Наҷотдиҳандаи меомадаро ду хел фаҳмидан мумкин аст:

1. Ӯ моро аз ҷазои ҷовидонӣ барои гуноҳҳоямон халос мекунад. Ӯ дар салиб *ғазаби* Худоро, ки бар зидди гуноҳҳои мо равона шуда буд, ба Худ гирифт. Аз бояси ба Ӯ имон оварданамон кори кардаи Ӯ ба мо мансуб дониста мешавад. Акнун мо аз маҳкумият озодем, чунки дар Исои Масеҳ ҳастем (Рум. 8,1).
2. Аммо Ӯ ҳамчунин моро аз доварии оянда халос мекунад, ҳангоме *ғазаби* Худо бар ҷаҳоне ки Писари Ӯро рад кард, фуруд меояд. Ин замон ҳамчун мусибати бузург ва замони мусибатҳои Яъқуб (Дон. 9,27; Мат. 24,4-28; 1Тас. 5,1-11; 2Тас. 2,1-12; Ваҳй 6,1-19,10) маълум аст.

### Б. Хотирот аз фаъолияти миссионерии Павлус, хабари ӯ ва рафтораш дар Тасолуникӣ (2,1-12)

**2,1** Дар қисми дуюми ояти 1,5 Павлус оид ба хислат ва рафтори худ ҳангоми дар

Тасолуникӣ будан зикри мухтасаре мекунад. Акнун ӯ тасвири васеътари хизмати худ, хабари худ ва тарзи зиндагии худро медиҳад.

Махсусият дар он аст, ки хизмати асосии масеҳӣ хизмати шахсият, хислат аст. Рафтори мо аз ҳама чизи мегуфтаамон хеле муҳимтар аст. Мо бо таъсири бешууронаамон назар ба таъсири бошуурона хеле бештар мегӯем.

Ҷеймс Деннӣ гуфтааст:

*Хислати масеҳӣ тамоми сармояест, ки ӯ барои иҷрои кори худ дорад. Шахс дар бисёрии вазифаҳои дигар кори худро новобаста ба чигунагии хислаташ давом дода метавонад; муҳимаш он аст, ки вай дар бонк салдои мусбат дошта бошад. Аммо масеҳие ки номи неки худро аз даст додааст, ҳама чизро аз даст додааст.*[6]

Миссионер-риёзаткаш Ҷим Эллиот дар рӯзномаи худ навишта буд:

*Дар кори рӯҳонӣ беш аз ҳама хислати корманд сифати корашро муайян мекунад. Шеллӣ ва Байрон метавонистанд аз ҷиҳати ахлоқ бо ҳеҷ чиз пойбанд набошанд, аммо шеърҳои хуб эҷод кунанд. Вагнер зинокорӣ карда метавонист, аммо дар айни ҳол мусиқии олидараҷа эҷод менамуд, аммо ин дар ҳеҷ коре ки барои Худо карда мешавад, мумкин нест. Павлус барои исботи он чи ба тасолуникиён мегуфт, ба хислат ва тарзи зиндагии худ истинод намуда метавонист. Дар Номаи якуми худ Павлус нӯҳ бор «Шумо (худатон) медонед» гуфта, мушоҳидаҳои тасолуникиёнро оид ба ҳам ҳаёти шахсӣ ва ҳам ҷамъиятияш дар назар дорад. Расул ба Тасолуникӣ омада, дар он ҷо тавре мезист, ки ҳаёташ баёнгари мавъизаи ӯ буд; рафтори шахсии ӯ на танҳо намоиш, балки исботи боварибахш низ буд. Ҳеҷ чизи ҳайратоваре нест, ки дар Подшоҳии Худо ин қадар корҳои пастсифат ҳастанд: ба сифатҳои ахлоқии кормандон нигаред.*[7]

Шояд расул дар ин оятҳо худро аз айбдоркуниҳои бардурӯғи мунаққидонаш ҳимоят мекунад. Ҳар тавре ки бошад, ӯ ба тасолуникиён ёдрас мекунад, ки хизматгузории ӯ бомуваффақият буд. Худи онҳо шаҳодати зиндаи он мебошанд, ки кори вай самар овард. Тасолуникиён медонистанд, ки омадани вай *бе натиҷа набуд.* Онҳо бозгашт намуданд, ва ҷамоат ташкил дода шуд.

**2,2** Ба ғайр аз ин, хизмати вай мардонавор низ буд. Мухолифати сахт ва муносибати бераҳмона *дар Филиппӣ,* аз ҷумла ҳамроҳи Сило ҳабс шудан, Павлусро ҳаросон накарданд ва шасташро нагардонданд. Вай ба Тасолуникӣ шитофт. Ва дар он ҷо бо мардонагие ки танҳо Худо дода метавонад, бо вуҷуди манъкуниҳои бисёр, *дар миёни мухолифатҳои бузург башорати Худоро* мавъиза мекард. Ба ёди шахсе ки устувории камтаре дорад, далелҳои зиёди илоҳиётӣ омада метавонистанд, ки Худо ӯро барои шунавандагони дигар даъват намудааст, ки бештар шоёни таҳсинанд. Аммо на ба Павлус! Ӯ ба мухолифати сахт нигоҳ накарда, нотарсона Хушхабарро мавъиза менамуд, натиҷаи бевоситаи он ки вай аз Рӯҳулқудс пур буд.

**2,3** Ба Хушхабар бовар карданро таъкид намудани расул аз сарчашмаи аслӣ бармеомад, мақсадҳои пок дошт ва аз лиҳози усул боэътимод буд. Он чи ба сарчашма дахл дорад, на дар таълимотҳои бардурӯғ, балки дар ҳақиқати Илоҳӣ асос ёфта буд. Агар сухан дар бораи водоркунанда равад, муносибати расул ба тасолуникиён бе худпарастӣ, танҳо бо назардошти манфиати онҳо буд, бе он ки ягон ангезаи пинҳонӣ ва нопок дошта бошад. Дар усул низ ҳеҷ гуна андешаи айёронае барои фиребидани онҳо набуд. Аз афташ, душманони ҳасуди Павлус вайро дар бидъат, мақсадҳои ғаразнок ва айёрӣ муттаҳам менамуданд.

**2,4** Павлус хизмати рӯҳониро идоракунии муқаддас меҳисобид. Ба ин хизмати рӯҳонӣ вайро *Худо сазовор дониста,* ба вай ганҷи пурқимати Худ Хушхабарро *супурд.* Вазифаи вай ба аксуламали одамон нигоҳ накарда, Хушхабарро дуруст ва аниқ расонида, ба Худо писанд омадан буд. Павлус мефаҳмид, ки ҳам ба Худо ва ҳам ба одамон писанд омада наметавонист, бинобар ин интихобе намуд: *писанд* омадан *ба Худое ки дилҳои моро имтиҳон мекунад* ва мувофиқан ба мо мукофот медиҳад.

Гумошта бояд ба оне ки барояш пул медиҳад, писандояд. Баъзан воизон аз хавфи аксуламали онҳое ки дастгириашон мекунанд, метавонанд ба васвасаи пинҳон намудани ҳамаи ҳақиқат афтанд. Аммо Соҳиби мо Худост, ва Ӯ медонад, ки кай хабар нопурра аст ё пинҳон карда шудааст.

**2,5** Дар оятҳои 5-12 Павлус рафтори Худро дар Тасолуникӣ тасвир намуда, намунаи олидараҷае барои ходимони Масеҳ нишон медиҳад.

Аввалан, вай ҳеҷ гоҳ барои расидан ба мақсадҳои худ то дараҷаи тамаллуқ ё риёкорӣ паст намефаромад. Суханони вай софдилонаву равшан, ангезаҳояш бошанд аз риёкорӣ озод буданд.

Сониян, вай ҳеҷ гоҳ кори Худоро ҳамчун ниқоб ба мақсади сарват ғундоштан истифода намебурд. Хизматгузории вай ҳеҷ гоҳ пардае барои *тамаъ* набуд.

Вай ҳама гуна айбдоркуниҳоро дар тамаллуқкорӣ рад намуда, ба муқаддасон муроҷиат мекунад. Барои рад кардани ҳар гуна андеша оид ба *тамаъ* вай ба Худо, ки танҳо Ӯ дили инсонро мебинад, мурочиат мекунад.

**2,6-7** Ба мо боз як имконияте дода мешавад, то ба хислати ин марди бузурги Худо назари бахшандаи таассуроти амиқ андозем. Павлус ва ҳамроҳонаш ҳамчун расулони Масеҳ ҳақ доштанд аз тасолуникиён ёрии молиявӣ қабул кунанд (ин ҷо *«ҷалол»*). Аммо онҳо қарор доданд, ки тасолуникиёнро заҳмат надиҳанд ва бинобар ин рӯзу шаб кор мекарданд, то эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд. Дар Қуринтус тамоман дигар хел буд. Он ҷо Павлус барои он кор мекард, то мунаққидонаш асосе надошта бошанд ӯро айбдор кунанд, ки вай барои пул мавъиза мекунад. Дар Тасолуникӣ бошад ӯ барои он кор мекард, ки худи муқаддасон камбағал ва дучори таъқиб буданд ва намехост барояшон бори зиёдатӣ шавад.

Ба ҷои бо мероси Худо фишор овардан Павлус *дар миёни* онҳо *мулоим буд, монанди модари ширдеҳ, ки кӯдакони худро навозиш мекунад.* Павлус мефаҳмид, ки бо навимонон навозишкорона, чун бо кӯдакон рафтор намудан лозим аст, ва хизмати худро бо ғамхории модари меҳрубон ба ҷо меовард.

**2,8** Ғамхории меҳрубононаи вай ба тасолуникиён чунон амиқ буд, ки вай назар ба он ки аз онҳо чизе гирад, бештар кӯшиш мекард ба онҳо чизе диҳад. Хизматгузории Павлус на паҳн кардани сарду бетарафонаи *Инҷили Худо,* балки ифодаи рози дили вай буд. Павлус тасолуникиёнро дӯст медошт, муҳаббат бошад хароҷотро сарфи назар мекунад. Ба монанди Худованди худ вай на барои он омад, ки ба вай хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҳаёти худро диҳад (Марқ. 10,45).

**2,9** Инак боз як шаҳодати беғаразии Павлус: мо мебинем, ки вай хайма месозад, то ки барои рӯзгузаронӣ пул дошта бошад, ва барои хизмат ба одамон имкон дошта, *ба касе аз* онҳо *гаронӣ* накунад. Агарчи воизи Хушхабар ҳақиқатан ба ёрии масеҳиёни дигар ҳуқуқ дорад, шоёни таҳсин аст, агар вай гоҳ-гоҳ, ҳангоми зарурат, аз ин ҳуқуқ даст кашад. Хизматгори ҳақиқии Масеҳ новобаста ба он ки пул мегирад, ё ба вай лозим меояд барои рӯзгузаронӣ кор кунад, мавъизаи Хушхабарро давом медиҳад. Ба суханҳои *«заҳмат ва ранҷи моро дар хотир доред: шабу рӯз кор кардем»* диққат диҳед. Тасолуникиён барои Хушхабар ягон тин надода буданд, барои Павлус бошад он хеле қимат меафтид.

**2,10** Имондорон рафтори намунавии Павлусро нисбати онҳо тасдиқ карда метавонистанд, *ва Худо* низ шоҳиди он буд, ки вай чӣ гуна порсоёна (ё муқаддасона), одилона (ё росткорона) ва бенуқсон рафтор мекард. Муқаддас шахсест, ки барои Худо аз гуноҳ ҷудо карда шудааст; аз ҷиҳати хислат ва рафтор росткор аст; бенуқсон аст – дар назди Худо ва одамон бегуноҳ аст. Агар беҳтарин мавъиза – ҳаёти муқаддасона бошад, пас, Павлус воизи бузург буд. Ӯ ба воизе ки хушгуфториаш аз рафтораш беҳтар аст, монанд набуд: ҳангоме ки ин воиз дар минбар аст, одамон мехоҳанд, ки вай онро ҳеҷ гоҳ тарк накунад, ва ҳангоме ки вай дар байни одамон аст, онҳо мехоҳанд, ки вай дигар ба минбар набарояд

**2,11** Дар ояти 7 Павлус худро бо модари навозишкор монанд кард, акнун бошад ба тимсоли дигар мурочиат мекунад – ба тимсоли *падари* дӯстдор. Агар модар рамзи навозишкорӣ ва муҳаббат бошад, падар рамзи хирадмандӣ ва маслиҳат аст. Ҳамчун падар вай аз онҳо илтиҷо мекард, ки муқаддасона зиндагӣ кунанд; ба таъқибот нигоҳ накарда, ҳавасманд мекард, ки дар оянда низ аз пайи Худованд раванд; ва оид ба саодати ба хости Худо ва ба Каломи Ӯ итоат намудан шаҳодат медод.

**2,12** Мақсади хизмати Павлус дар он буд, ки муқаддасон муносиби Худо, ки Шуморо ба Подшоҳӣ ва ҷалоли Худ даъват менамояд, рафтор кунанд.

Худ аз худ мо сазовори Худо ё лоиқи ҷой дар осмон нестем; афзалияти ягонаи мо дар Худованд Исои Масеҳ аст. Аммо, чун фарзандони Худо, мо бояд *муносиби* вазифаи олии худ *рафтор* намоем. Мо худро ба хости Рӯҳулқудс тобеъ намуда, ҳамчунин аз ҳар гуноҳ

канораҷӯӣ намуда ва доимо гуноҳҳои худро эътироф карда, инро карда метавонем.

Ҳамаи наҷотёфтагон шаҳрвандони *Подшоҳии* Худо ҳастанд. Дар замони ҳозира ин *Подшоҳӣ* ноаён ва Подшоҳ ғоиб аст. Аммо таълимоти маънавӣ ва ахлоқии он имрӯз ҳам ба мо бевосита дахл доранд. Ҳангоме ки Худованд Исо барои подшоҳӣ кардан бармегардад, Подшоҳӣ намуди дидашаванда пайдо мекунад ва он гоҳ мо ба шарафи Подшоҳ ҳамроҳ хоҳем буд.

**В. Хотирот аз аксуламали тасолуникиён ба Хушхабар (2,13-16)**

**2,13** Акнун расул ба мавзуе ки дар 1,5 баррасӣ намуда буд, муроҷиат мекунад – ба аксуламали тасолуникиён ба мавъизаи Хушхабар. Хушхабарро гирифта, яъне онро шунида, онҳо онро қабул карданд, яъне онро на ҳамчун сухани инсонӣ, балки ҳамчун Каломи Худо пазируфтанд.

Б*а ин сабаб мо низ пайваста Худоро шукргузорӣ мекунем, ки чун шумо каломи Худоро аз мо шунида қабул кардед, онро на ҳамчун каломи одамизод қабул кардед, балки ҳамчун каломи Худо, ки он дар ҳақиқат чунин аст ва он дар шумо, имондорон, амал мекунад.*

Павлус аз тасолуникиён самимона миннатдор аст, ки онҳо Ӯро ва хабари Ӯро қабул карданд. Ин боз як намунаи фидокории расул аст. Бисёриҳо мехоҳанд, ки мардум ба суханонашон танҳо барои он ки онҳо инро мегӯянд, бовар кунанд. Аммо суханони одамизод барои боварӣ асоси нопойдорест; танҳо ба Худо пурра бовар кардан мумкин аст, ва танҳо ҳамон вақте ки ба Каломи Худо бовар мекунанд, он дар дилҳо ва дар ҳаётҳо самар меорад. Бо тасолуникиён маҳз ҳамин чиз рӯй дод: Каломи Худо дар ҳаёти онҳо *амал мекард,* чунки онҳо бовар мекарданд. Валтер Скотт навишта буд:

*Каломи Ӯ Навиштаи Муқаддас дар ҳамаи китобҳо ва ҷисмҳое ки аввал навишта шудаанд, аз Худо дода шудааст, ё илҳоми илоҳӣ дорад. Ин ягона сарчашмаи бонуфузи мо дар ҳамаи масъалаҳо, корҳо ва вазъиятҳост. Чунин насле даркор аст, ки дар назди Каломи Худо ба ларза ояд. Ин харитаи ҳаёт, дастури мо, нури мо, посбони маънавии мо мебошад. Ташаккур ба Худо барои ин ҷилди муқаддас.*[8]

**2,14** Навиштаи Муқаддас дар дилҳои имондорон чӣ гуна натиҷаҳо ба амал овард? Онҳо на танҳо наҷот ёфтанд, онҳо қобилият пайдо намуданд, ки ба таъқиботи шадид тоб оваранд. Ин далели равшани ҳаққонияти руҷӯи онҳо буд. Бо пурсабрии истодагаронаи худ онҳо *ба ҷамоатҳои* масеҳӣ *дар Яҳудо тақлид* намуданд. Фарқи ягона дар он буд, ки тасолуникиён аз дасти *ҳамватанони* бутпарасти худ *азоб* кашиданд, дар ҳоле ки имондорон дар Яҳудо аз ҷониби яҳудиён дучори таъқибот буданд.

**2,15** Хотираҳо дар бораи яҳудиён Павлусро водор намуданд, то бар зидди онҳо, ки мухолифони ашаддии Хушхабар буданд, нутқи маҳкумкунандае эрод намояд. Инро аз вай беҳтар кӣ медонист? Замоне вай яке аз сарварони яҳудиён буд, ки имони масеҳиро барҳам доданӣ буданд. Аммо баъди имон овардан ӯ нӯги шамшери таъқиботи онҳоро дар худ ҳис намуд.

Гуноҳи калонтарини яҳудиён қатли *Худованд Исо* буд. Агарчи дар асл Ӯро румиён ба салиб кашиданд, аммо онҳоро яҳудиён ба ин водор намуданд. Ин рафтори онҳо нуқтаи авҷи таъқиби *пайғамбарони Худо* буд, ки ба халқи Исроил фиристода шуда буданд (Мат. 21,33-39).

Дар давраи масеҳият онҳо *таъқиботро* давом дода, Павлус ва дигар расулонро ронданд, ва гумон карданд, ки бо ин корашон ба *Худо* писанд меоянд. Бо амалҳои худ яҳудиён бар зидди Ӯ мубориза мебурданд ва *ба ҳамаи одамон муқобил буданд.*

**2,16** Онҳо бо рад кардани Хушхабар маҳдуд нашуда, қатъиян қарор дода буданд, ки ба Павлус ва ҳамкоронаш дар мавъизаи Хушхабар *ба халқҳо* халал расонанд. Барои онҳо чизе даҳшатноктар аз шунидани он набуд, ки халқҳо низ, ба монанди яҳудиён, наҷот ёфта метавонанд.

Дар мухолифати худ ба хости Худо онҳо ҳамон рафтореро давом медоданд, ки замоне падарони онҳо мекарданд: онҳо *ҳамеша зарфи гуноҳҳои худро лабрез мекунанд.* Чунин ба назар мерасид, ки онҳо қатъиян қарор додаанд, ки ҳамеша зарфи гуноҳҳои худро лабрез нигоҳ доранд.

Аммо маҳкумияти онҳо аллакай ба амал омад, зеро, *ниҳоят, ба ғазаб гирифтор шуданд.* Павлус аниқ намекунад, ки *«ғазаб»* гуфта чиро

дар назар дорад. Шояд, ин ифодаи умумиест барои баён намудани маҳкумияти оянда ҳамчун натиҷаи гуноҳҳои зиёд. Мо медонем, ки пас аз 20 сол (дар соли 70-уми милодӣ) Уршалим вайрон карда шуд, ва яҳудиёни зиндамонда дар тамоми замин паҳну парешон шуданд.

Ин гуна порчаҳоро ба асос гирифта, баъзе одамон қарор доданд, ки Павлус ақидаҳои зиддияҳудӣ дошт ва Аҳди Нав китоби зиддияҳудӣ аст. Аммо ҳақиқат дар он аст, ки Павлус ҳамватанонаш-яҳудиёнро хеле дӯст медошт ва ҳатто тайёр буд аз Масеҳ маҳрум шавад, агар ин барои наҷоти онҳо хизмат карда тавонад (Рум. 9,1-3). Ва агарчи хизматгузории вай пеш аз ҳама барои ғайрияҳудиён буд, вай ҳеҷ гоҳ фикри ба яҳудиён Хушхабар мавъиза карданро тарк накарда буд; баъзан чунин ба назар мерасад, ки ин масъала аз вазифаи асосии вай афзалият дорад.

Дар ин ҷо оид ба сарварони яҳудиён сухан рондани расул ҳақиқати таърихист, на ин ки ҳуҷуми шахсии вай. Ва мо бояд дар хотир нигоҳ дорем, ки Худо ӯро ба навиштани он чи ӯ навишт, таҳрик намуд. Дар масеҳият бад дидани яҳудиён номумкин аст, ва онро ба ҳеҷ ваҷҳ сафед кардан мумкин нест. Аммо гуфтани он ки Худо халқи яҳудиро дар қатли Писари Ӯ айбдор намуд, яҳудибадбинӣ нест (Аъм. 2,23), чунон ки аз зиммаи ғайрияҳудиён низ ҷавобгарӣ барои кори кардаашон гирифта намешавад (1Қур. 2,8).

### Г. Чаро Павлус ба Тасолуникӣ баргашта натавонист (2,17-20)

**2,17** Дар чор ояти оянда расул мефаҳмонад, ки барои чӣ вай ба Тасолуникӣ баргашта натавонист. Шояд, мунаққидони ашаддӣ ӯро дар тарсончакӣ айбдор карда, гуфтанд, ки ӯ ба сабаби муқовимате ки дар он ҷо ба ӯ нишон дода шуд, барнагашт.

Пеш аз ҳама Павлус возеҳан ба он ишорат мекунад, ки аз тасолуникиён танҳо ҷисман ҷудо аст. Ифодаи *«аз шумо ҷудо шудем»* маънои онро дорад, ки тасолуникиён баъди рафтани падари рӯҳониашон ятим монданд. Ба ҳар ҳол муҳаббат ва ҳусни таваҷҷуҳи вай ба онҳо ҳеҷ гоҳ хомӯш нашуда буд. Ба суханоне ки қувваи муҳаббати ӯро нишон медиҳанд, таваҷҷуҳ намоед: *бо хоҳиши бештар кӯшиш намудем...*

**2,18** Расул ду бор ба Тасолуникӣ баргаштанӣ буд, аммо ду бор *шайтон монеъ шуд.* Монеаҳо ва амалҳои мушаххаси шайтон на ҳамеша маълуманд.

Мо ҳамчунин намедонем, ки чаро Павлус боварӣ дошт, ки на Худованд, балки маҳз шайтон ба рафтани вай *монеъ шуд.* Дар Аъмол 16,6 мо мехонем, ки Рӯҳулқудс ба Павлус ва гурӯҳи вай роҳ надод, ки Каломи Худоро дар вилояти румии Осиё мавъиза намоянд. Дар ояти оянда мехонем, ки онҳо ба Битуния рафтанӣ шуданд, аммо Рӯҳ ба он ҷо низ онҳоро роҳ надод. Чӣ тавр донистан мумкин аст, ки кай Рӯҳ ва кай шайтон ба анҷом додани ин ё он кор монеъ мешавад? Шояд инро ба ин васила фаҳмидан мумкин аст: ҳангоме мо медонем, ки хости Худоро иҷро мекунем, ҳама гуна монеаҳое ки дар сари роҳ пайдо мешаванд, на аз Рӯҳ, балки аз шайтонанд. Ба ғайр аз ин, вақте ки Худо баракат медиҳад, шайтон метавонад монеъ шавад. Аммо Худо ҳамеша бар дасисаҳои шайтон дастболо мешавад. Дар ҳолати додашуда Павлус имкони ба Тасолуникӣ омаданро пайдо накарда, ин номаро навишт. Дар навбати худ, нома боиси ҷалол ёфтани Худо гардид ва барои мо баракат шуд.

**2,19** Чаро расул ин қадар ҳавасманди баргаштан ба назди имондорон ба Тасолуникӣ буд? Чунки онҳо фарзандони вай дар Худованд буданд. Вай ба онҳо оид ба Масеҳ шаҳодат дода буд ва худро барои рушди рӯҳонии онҳо масъул ҳис мекард. Вай медонист, ки дар оянда барои онҳо ҳисобот додан лозим меояд. Онҳо мояи *умеди* вай ба мукофот дар назди Курсии Доварии Масеҳ буданд. Вай мехост имкон дошта бошад, ки барои онҳо шодӣ кунад. Онҳо *дар вақти омадани Худованди мо Исо тоҷи фахри* вай *дар ҳузури* Ӯ хоҳанд буд.

Аз ин оят маълум аст, ки Павлус умед дошт, ки тасолуникиёнро дар осмонҳо шиносад. Аз ин бармеояд, ки мо дӯстдоштагони худро дар осмонҳо хоҳем шинохт.

Дар ояти 19 Павлус оид ба фарзандонаш дар имон ҳамчун оид ба *тоҷ* сухан меронад. Дар ҷойҳои дигари Аҳди Нав мо оид ба тоҷҳои дигар мехонем: тоҷи росткорӣ (2Тим. 4,8); тоҷи ҳаёт (Яъқ. 1,12; Ваҳй 2,10); тоҷи ҷалол (1Пет. 5,4). Ҳамаи онҳо тоҷҳои ғайрифонӣ мебошанд (1Қур. 9,25).

**2,20** Муқаддасон *ҷалол ва шодмонии* вай мебошанд. Вай меҳнати худро ба шахсиятҳои инсонӣ равона намуд, ва мукофоташ писарон ва духтарони рӯҳонӣ буданд, ки Барраи Худоро ҷовидона ҷалол хоҳанд дод.

---

## ОМАДАНИ ХУДОВАНД

Дар ояти 19 мо бори аввал дар Тасолуникиён бо калимаи *«омадан»* дар робита бо бозгашти ояндаи Худованд дучор мешавем. Азбаски ин мавзуъ дар нома асосӣ аст, мо мехоҳем таваққуф намуда, таълимоти номаро оид ба ин масъала шарҳ диҳем.

Дар робита бо бозгашти Масеҳ Аҳди Нав се калимаи асосии юнониро ба кор мебарад:

«парусия» (parousia): омадан ва ҳузури оянда;

«апокалипсис» (apokalypsis): ваҳй, ошкоршавӣ;

«эпифания» (epiphaneia): зоҳиршавӣ.

Беш аз ҳама калимаи «парусия» истифода мешавад. Он ҳузур доштан, ё омаданро ифода мекунад. Вайн мегӯяд, ки маънои он ҳам омадан ва ҳам ҳузур доштан аст, ки натиҷаи он мебошад. Ҳангоме ки мо оид ба омадани Худованд фикр мекунем, бояд онро на танҳо чун ҳодисаи фаврӣ тасаввур намоем, балки низ ҳамчун ҳодисае ки як давраеро дар бар мегирад.

Ҳатто дар забони тоҷикӣ омадан ба ин маъно истифода мешавад. Масалан: «Ба Ҷалил омадани Исо боиси шифо ёфтани бисёриҳо гардид». Ин ҷо на рӯзи омадани Ӯ, балки тамоми даврае ки Ӯ дар ин мавзеъ гузаронд, дар назар дошта шудааст. Ҳамин тавр, ҳангоме ки мо оид ба омадани Масеҳ фикр мекунем, мо бояд на оид ба ҳодисаи фаврӣ, балкӣ оид ба як фосилаи вақт фикр кунем.

Агар ҳамаи ҳолатҳои истифодаи калимаи «парусия»-ро дар Аҳди Нав таҳқиқ намоем, мебинем, ки онҳо фосилаи вақтеро ифода мекунанд, ки дорои 1. ибтидо, 2. инкишоф, 3. зоҳиршавӣ ва 4. лаҳзаи авҷ мебошанд.

1. Ибтидои «парусия» ба осмон бурда шудани ҷамоат аст. Он дар порчаҳои зерин тасвир ёфтааст (калимае ки *парусия* бо он тарҷума мешавад, бо курсив ишора шудааст): «Чунон ки дар Одам ҳама мемуранд, ончунон дар Масеҳ ҳама зинда мешаванд, ҳар яке дар навбати худ: Масеҳ, ки навбар аст; баъд онҳое ки аз они Масеҳанд дар вақти *омадани* Ӯ (1Қур. 15,22.23)».
«Лекин мо, эй бародарон, намехоҳем, ки шумо дар бораи ба хоби марг рафтагон бехабар бошед, то мабодо мисли дигарон, ки умед надоранд, андӯҳгин шавед. Зеро, агар мо имон бовар кунем, ки Исо мурд ва бархест, ба ҳамин тарз низ Худо онҳоеро, ки дар Исо ба хоби марг рафтаанд, бо Ӯ меоварад. Зеро инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем, ки мо, зиндаҳо, ки то *омадани* Худованд боқӣ мондаем, аз онҳое ки ба хоби марг рафтаанд, пешдастӣ намекунем; чунки худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнайи Худо, аз осмон фуруд меояд, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал зинда мешаванд; баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо дар абрҳо бурда мешавем, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд мешавем. Пас, ҳамдигарро бо ин суханон дилбардорӣ кунед» (1Тас. 4,13-18).
«Валекин аз шумо, эй бародарон, илтимос мекунем, ки дар хусуси *омадани* Худованди мо Исои Масеҳ ва пайвастани мо ба Ӯ ...» (2Тас. 2,1). «Пас, эй бародарон, то вақти *омадани* Худованд сабр кунед. Инак, зироаткор самари гаронбаҳои заминро интизор мешавад ва барои ин сабр мекунад, то даме ки борони аввалин ва охирин борад. Шумо низ сабр кунед, дилҳои худро устувор гардонед, чунки *омадани* Худованд наздик аст» (Яъқ. 5,7.8). «Пас, эй фарзандон, дар Ӯ монед, то ки ҳангоми зоҳир шудани Ӯ мо ҷуръат дошта бошем ва пеши Ӯ дар вақти *омадани* Ӯ хиҷил нашавем» (1Юҳ. 2,28).

2. Инкишофи «парусия» Курсии Доварии Масеҳро дар бар мегирад, ҳангоме ки ба имондорон барои хизмати содиқона мукофотҳо дода мешаванд:
«Зеро кист умеди мо, ё шодмонии мо, ё тоҷи фахри мо дар ҳузури Худованди мо Исои Масеҳ дар вақти *омадани* Ӯ – оё шумо нестед?» (1Тас. 2,19). «Худи Худои осоиш бигзор шуморо комилан муқаддас

гардонад ва рӯҳу ҷону тани шумо ҳангоми *омадани* Худованди мо Исои Масеҳ пурра беайб нигоҳ дошта шавад» (1Тас. 5,23). Ҳодисаи дигаре ки шояд ба инкишофи «парусия» дохил хоҳад шуд, – шоми никоҳи Барра аст. Аз ҷои ишғолкардааш дар китоби Ваҳӣ мо медонем, ки он пеш аз тахтнишин гардидани Масеҳ воқеъ мешавад. Мо ин оятҳоро дар ин ҷо меорем, агарчи дар онҳо калимаи «омадан» истифода намешавад. «Ва овозе шунидам мисли овози издиҳоми бузург, мисли шувваси обҳои бисёр, мисли садои раъдҳои пурзӯр, ки мегуфтанд: «Ҳалелуёҳ! Зеро Худованд Худои мо, он Қодири Мутлақ акнун подшоҳӣ мекунад. Шодӣ кунем ва ба ваҷд оем ва Ӯро ҷалол диҳем, зеро базми арӯсии Барра фаро расидааст, ва арӯси Ӯ худро тайёр кардааст». Ва ба вай ато шуд, ки катони тоза ва дурахшон дар бар кунад, зеро он катон росткории муқаддасон аст. Ва ба ман гуфт: «Навис: Хушо онҳое ки ба базми арӯсии Барра даъват шудаанд»» (Ваҳӣ 19,6-9).

3. Зоҳиршавии омадани Масеҳ – дар қудрат ва ҷалоли бузург ба замин бозгаштани Ӯ барои чун Шоҳи шоҳон ва Худованди ҳукмронон подшоҳӣ кардан аст. Ба осмон бурда шудан барои ҷаҳон намоён нахоҳад буд; он дар як лаҳза ба амал хоҳад омад. Аммо ҳангоме ки Масеҳ барои подшоҳӣ кардан меояд, ҳар чашме Ӯро хоҳад дид. Аз ҳамин сабаб ҳам ин ҳодиса зоҳиршавии парусияи Ӯ номида мешавад. Ин марҳалаи сеюми омадани Ӯст.

«Ва ҳангоме ки Ӯ бар кӯҳи Зайтун нишаста буд, шогирдонаш ба танҳоӣ назди Ӯ омада, пурсиданд: «Моро огоҳ кун, ки ин кай рӯй медиҳад? Ва аломати *омадани* Ту ва охири ин давра чӣ гуна аст?»» (Мат. 24,3).

«Зеро, чунон ки барқ дар шарқ падид омада, дар ғарб ҳам намудор мегардад, *омадани* Писари Одам низ чунин мешавад» (Мат. 24,27).

«Чӣ тавре ки дар айёми Нӯҳ шуда буд, дар *омадани* Писари Одам низ ҳамон тавр хоҳад шуд» (Мат. 24,37). «Ва чизе намефаҳмиданд, то даме ки тӯфон омада, ҳамаро бо худ бурд, – *омадани* Писари Одам низ чунин мешавад» (Мат. 24,39). «... То ки ҳангоми омадани Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи муқаддасони Худ дилҳои шумо дар муқаддасӣ назди Худо ва Падари мо устувор ва беайб бошанд» (1Тас. 3,13). «Он гоҳ бадкор ошкор мегардад, ҳамон ки Худованд Ӯро бо нафаси даҳонаш мекушад ва бо зуҳури *омаданаш* нобуд мекунад» (2Тас. 2,8). «Зеро, ҳангоме ки қувват ва *омадани* Худованди мо Исои Масеҳро ба шумо хабар додем, аз пайи афсонаҳои зиракона сохташуда нарафтаем, балки бузургии Ӯро бо чашмони худ дидаем» (2Пет. 1,16). [Ин ҷо Петрус оид ба зуҳури «парусия»-и Масеҳ сухан меронад, чунон ки он дар кӯҳи Дигаргуншавӣ пешакӣ тасвир шуда буд.]

4. Ва ниҳоят, лаҳзаи авҷи «парусия». Дар бораи он дар ояти зерин гуфта шудааст: «Куҷост ваъдаи *омадани* Ӯ? Зеро аз замоне ки падарон ба хоби марг рафтаанд, ҳама чиз ончунон ки аз аввали офариниш буд, боқӣ мондааст» (2Пет. 3,4). Дар ин порчаи хотимавӣ мо оид ба ҳақораткунандагони берӯй мехонем, ки дар рӯзҳои охирин пайдо шуда, имконияти ба замин бозгаштани Масеҳро рад хоҳанд кард. Онҳо кадом ҷиҳатҳои «парусия»-ро дар назар доранд?

Шояд, онҳо ба осмон бурда шуданро дар назар доранд? Не, аз афташ, онҳо дар хусуси ба осмон бурда шудан чизе намедонанд.

Шояд, онҳо ба чун Подшоҳ омадани Масеҳ ишора мекунанд? Не. Аён аст, ки онҳо на ба ин ишора мекунанд. Мувофиқи алоқамандии матн, онҳо имконияти ба бадкорон ҷазои ниҳоӣ додани Худоро масхара мекунанд. Онҳо ба доварии хотимавии Худо дар замин, ё ба он чи онҳо «охири замон» меноманд, ишора мекунанд. Далели онҳо маънои онро дорад, ки онҳо аз ҳеҷ чиз тарс надоранд. Худо ба таърих дахолат намекард ва дар оянда ҳам дахолат нахоҳад кард. Бинобар ин онҳо фикр мекунанд, ки далерона бадгӯӣ ва бадкирдорӣ карда метавонанд. Ба ҳақоратҳои онҳо ҷавоб дода, Петрус ба замоне ишора мекунад, ки баъди Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ меояд, вақте замину осмон, чунон ки мо онҳоро

имрӯз медонем, вайрон карда мешаванд. Ин лаҳзаи авҷи «парусия»-и Масеҳ баъди Подшоҳии Ҳазорсола, ҳангоми барпо намудани подшоҳии абадӣ фаро мерасад. Дар баробари «парусия», дар забони юнонии Аҳди Нав барои ифодаи омадани Худованд боз ду калимаи дигар истифода мешавад: «апокалипсис» ва «эпифания».

«Апокалипсис» маънои ошкоршавии сирр ё ваҳйро дорад. Илоҳиётшиносон ихтилофи ақида доранд, ки оё ин калима ҳамеша ба марҳалаи сеюми омадани Масеҳ дахл дорад – ба замин омадани Ӯ дар қувва ва ҷалол ё ҳамчунин он маънои ба осмон бурда шудани ҷамоатро дорад, ҳангоме ки Ӯ ба ҷамоат ошкор мешавад. Дар оятҳои оянда он метавонад ҳам маънои ба осмон бурда шудан ва ҳам барои подшоҳӣ кардан ба замин бозгаштани Масеҳро дошта бошад:

«Ба тавре ки шумо аз ҳеҷ ато норасоӣ надоред, модоме ки мунтазири ошкор шудани Худованди мо Исои Масеҳ мебошед» (1Қур. 1,7).

«Имони шумо аз тилло, ки бо вуҷуди озмуда шуданаш дар оташ ҳам фонӣ мебошад, гаронбаҳотар аст. Ин имон аз имтиҳон мегузарад ва барои ҳамд ва шавкат ва ҷалол дар вақти омадани Исои Масеҳ холис ба миён меояд» (1Пет. 1,7).

«Бинобар ин, камари ақли худро маҳкам баста ва ҳушёр шуда, ба файзе ки дар вақти *зоҳир шудани* Исои Масеҳ ба шумо ато хоҳад шуд, комилан умедвор бошед» (1Пет. 1,13).

«Балки аз ин ки шумо дар азобҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед, то ки дар вақти *зоҳир шудани* ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд омада, хурсандӣ кунед» (1Пет. 4,13). Дар порчаи оянда ин калима возеҳан маънои дар ҷалол омадани Масеҳро дорад: «Ва шуморо, ки азоб мекашед, бо мо оромӣ бошад, ҳангоме ки Худованд Исо аз осмон бо фариштаҳои қудрати Худ дар оташи фурӯзон *зоҳир шуда* ...» (2Тас. 1,7). «Эпифания» маънои зоҳиршавӣ, пайдошавӣ ё омаданро дорад. Боз ҳам баъзе илоҳиётшиносон ақида доранд, ки он ҳам маънои зоҳиршавӣ *барои* муқаддасони Худ, ҳам зоҳиршавӣ *бо* муқаддасони худро дорад; дигарон мегӯянд, ки танҳо маънои дуюм дар назар дошта шудааст. Ин калима дар порчаҳои зерин вомехӯрад:

«Он гоҳ бадкор ошкор мегардад, ҳамон ки Исои Худованд вайро бо нафаси даҳонаш мекушад ва бо *зуҳури* омадани Худ несту нобуд мекунад» (2Тас. 2,8). «... ки фармударо то вақти *зоҳир шудани* Худованди мо Исои Масеҳ бенуқсон ва беайб риоя намоӣ» (1Тим. 6,14).

«Пас, туро дар ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд, ки зиндагон ва мурдагонро доварӣ мекунад, ба хотири *зоҳир шудани* Ӯ ва Подшоҳии Ӯ қасам медиҳам» (2Тим. 4,1). «Ва акнун барои ман тоҷи росткорӣ омода гардидааст, ва онро Худованд, Довари одил, дар он рӯз ба ман медиҳад; ва на танҳо ба ман, балки низ ба ҳамаи онҳое ки *зоҳир шудани* Ӯро дӯст доштаанд» (1Тим. 4,8).

«Ва мунтазири умеди муборак ва *зоҳиршавии* ҷалоли Худои бузург ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем» (Тит. 2,13). Дар оятҳои якум ва сеюм комилан возеҳ ба ҷаҳон зоҳир шудани Масеҳ дар назар дошта шудааст. Дар оятҳои дигар эҳтимол ба осмон бурда шудан низ дар назар дошта шудааст. Як чиз пурра равшан аст: ҳам ба осмон бурда шудан ва ҳам бозомадан чунон фаҳмонида шудаанд, ки имондор бо бесабрии бузург Масеҳро интизор аст. Ҳангоми ба осмон бурда шудан вай Наҷотдиҳандаро мебинад ва бадани ҷалолёфтаи худро доро мешавад. Ҳангоме ки Масеҳ ба замин бозмегардад, имондорон ҳамроҳи Ӯ дар ҷалол зоҳир мешаванд (Кул. 3,4). Ва дар худи ҳамин вақт мукофот ба имондор эълон карда мешавад. Ин мукофотҳо ҳанӯз пештар дода мешаванд, дар назди Курсии Довари Масеҳ, аммо ҳама онҳоро танҳо он вақт мебинанд, ки Масеҳ барои подшоҳӣ кардан меояд. Ин мукофотҳо чӣ гунаанд? Дар Луқо 19,17-19 ишораҳо ҳастанд, ки онҳо ба низоми идоракунии маҳаллӣ ҳангоми Подшоҳии Ҳазорсола вобастаанд; ба яке идора кардани даҳ шаҳр дода мешавад, ба дигаре панҷ шаҳр.

Ҷанбаҳои гуногуни бозомадани Худовандро тадқиқ намуда, мо дидем, ки он на ҳодисаи яккаратаро, балки аниқтараш як фосилаи вақтро

дар назар дорад, ва ин фосилаи вақт ба марҳалаҳои гуногун тақсим мешавад. Он ибтидо, инкишоф, зоҳиршавӣ ва лаҳзаи авҷро дорад. Он аз бурда шудани ҷамоат ба осмон сар мешавад, Курсии Доварии Масеҳро дар бар мегирад, ба таври намоён зоҳир мешавад, вақте ки Масеҳ ба замин бозмегардад, ва он гоҳ ба охир мерасад, ки осмон ва замин, чунон ки мо онҳоро медонем, пурра бо оташ нобуд карда мешаванд.

---

## Ғ. Вазифаи Тимотиюс дар Тасолуникӣ (3,1-10)

Калимаи «имонатон» дар боби 3 панҷ бор вомехӯранд (о. 2.5.6.7.10) ва калиди фаҳмидани порча аст. Тасолуникиён давраи таъқиботи шадидро аз сар мегузарониданд, ва Павлус донистан мехост, ки имони онҳо ба ин санҷишҳо чӣ гуна тоб меоварад. Ҳамин тариқ, ин боб дарсест оид ба аҳамияти кори тафтиш ва мустаҳкамкунии натиҷаҳо. Назди Наҷотдиҳанда овардани гуноҳкорон кифоя нест. Барои дар файз ва шинохтани Худованд нашъунамо карданашон ба онҳо ёрӣ додан лозим аст.

**3,1** Дар боби сеюм мо шунидани тапиши дили Павлусро давом медиҳем, ҳангоме ки ӯ таваҷҷуҳи сустнашавандаи худро ба муқаддасон дар Тасолуникӣ зоҳир мекунад. Ҳангоме ки ӯ *дар Атино* буд, хоҳиши зиёди фаҳмидани он пайдо кард, ки онҳое ки ба воситаи ӯ ба Худо имон овардаанд, чӣ гуна умр ба сар мебаранд. Шайтон барои ба назди онҳо бозгаштани ӯ халал расонд. Дар охир Павлус аз бефаъолиятӣ бетоқат шуда, қарор дод, ки Тимотиюсро ба назди Тасолуникиён фиристода, *дар Атино танҳо* монад (дар ин ҷо «мо» аз муҳаррир аст). Фикр кардан оид ба он ки Павлус *танҳо* монд, андаке андӯҳовар аст. Ҷойҳои шоёни тамошои шаҳри бузург диққати ӯро ҷалб намекарданд: ӯ саргарми ғамхорӣ оид ба ҷамоатҳо буд.

**3,2** Ба «унвонҳо»-е ки пас аз номи Тимотиюс меоянд, диққат диҳед: *бародари мо ва хизматгузори Худо ва ҳамкори мо дар Инҷили Масеҳ*. Ин ҷо, чун дар ҷойҳои дигари Аҳди Нав, *«хизматгузор»* танҳо маънои хизматгорро дорад. Тасаввурот оид ба гурӯҳи махсуси одамон, ки чун рӯҳониён маълум аст, дертар пайдо шуд.

Чӣ имтиёзест барои Тимотиюс – таҳти роҳбарии бародар Павлус таълим гирифтан! Акнун, ки вай қобилиятҳои худро нишон дод, бо вазифае ба Тасолуникӣ танҳо фиристода шуд.

Мақсади сафари вай дар он буд, ки муқаддасонро *дар имон устувор гардонад ва тасаллӣ диҳад*. Онҳо барои ба Масеҳ пайравӣ кардан дучори таъқибот буданд. Ин барои навимонон давраи душвортарин буд; шайтон, эҳтимол, бо маҳорати хоса ба онҳо фикреро талқин менамуд, ки масеҳӣ шудани онҳо, шояд, кори нодуруст буд!

Шунидани суханони Тимотиюс ҷолиби диққат мебуд, ки чӣ гуна вай таълим медиҳад, то мухолифатро бо омодагӣ пешвоз гиранд, онро мардонавор таҳаммул намоянд ва дар он шод бошанд. Онҳо муҳтоҷи рӯҳбаландкунӣ буданд – зери фишори мухолифат сар хам накардан.

**3,3** Ҳангоми шиддатёбии таъқибот тасолуникиён бо осонӣ метавонистанд аз боиси ранҷу азоб рӯҳафтода шаванд, ва фикр кунанд, ки онҳо ба Худо писанд наомадаанд. Тимотиюс ба онҳо ёдрас намуд, ки дар таъқибот ҳеҷ чизи ҳайратовар нест: ин барои масеҳиён вазъияти муқаррарист, бинобар ин бояд ҳеҷ кас *дудила нашавад* ва рӯҳафтода нашавад.

**3,4** Павлус ёдрас мекунад, ки ҳанӯз ҳангоми дар Тасолуникӣ буданаш вай ба онҳо мегуфт, ки насиби масеҳиён азоб кашидан аст. Пешгӯии вай дар зиндагии онҳо иҷро шуд. Ин чиз ба онҳо хуб маълум буд!

Санҷишҳо ба ҳаёти мо интизоми даркориро медиҳанд:

1. Онҳо ҳақиқӣ будани имони моро исбот мекунанд ва онҳоеро ошкор менамоянд, ки танҳо дар сухан пайрави имон ҳастанд (1Пет. 1,7).
2. Онҳо ба мо қобилияти тасалло додан ва дилбардорӣ намудани онҳоеро медиҳанд, ки аз санҷишҳо мегузаранд (2Қур. 1,4).
3. Онҳо дар хислати мо сифатҳои муайяни мусбатро, аз қабили пурсабрӣ ва собитқадамӣ, инкишоф медиҳанд (Рум. 5,3).
4. Онҳо моро дар паҳн намудани Хушхабар боэҳтимомтар менамоянд (Аъм. 4,29; 5, 27-29; 8,3.4).
5. Онҳо барои аз ҳама чизи зиёдатӣ ва ифлос пок намудани ҳаёти мо ёрӣ мерасонанд (Айюб 23,10).

**3,5** Расул ҷойҳои муҳимтарини оятҳои 1 ва 2-ро такрор мекунад: ҳангоме ки мавқуф гузоштан барояш тоқатфарсо гардид, ӯ Тимотиюсро *фиристод,* то бифаҳмад, ки масеҳиён ба фишор чӣ гуна тоб меоваранд. Вай аз он дар ташвиш буд, ки шайтон метавонад онҳоро аз роҳ бароварда, пешниҳод кунад, ки дар ивази суст намудани таъқибот аз шаҳодатдиҳии фаъолонаи масеҳӣ даст кашанд. Одамонро ҳамеша васвасае таъқиб мекунад, ки садоқат ба Масеҳро ба роҳату ҳаловати шахсӣ иваз намоянд, дар ҳирси тоҷ салибро яктарафа гузоранд. Ҳар кадоми мо муҳтоҷи чунин дуо ҳастем: «Маро бубахш, Худовандо, барои он ки ман бисёр вақт роҳҳои аз азобҳо ва қурбониҳои шогирдӣ халос шуданро меҷӯям. Маро имрӯз мустаҳкам намо, то ба ҳама гуна шароитҳо нигоҳ накарда, дар ҳузури Ту қадамгузор бошам».

Агар шайтон муқаддасонро ба даст кашидан водор менамуд, Павлус меҳнатҳои худро беҳуда меҳисобид.

**3,6** *Тимотиюс* аз пеши тасолуникиён баргашт ва *мужда* овард. Пеш аз ҳама вай Павлусро дар *имон ва муҳаббати* онҳо бовар кунонд. Онҳо на танҳо ба таълимоти имони масеҳӣ вафодор монданд, балки некӯкории махсусро – *муҳаббатро* низ зоҳир менамуданд. Инак санҷиши ҳақиқии воқеият: на танҳо қабули анъанавии имони масеҳӣ, балки низ «имоне ки бо муҳаббат амал мекунад» (Ғал. 5,6), на танҳо «имон ба Исои Масеҳ», балки низ «муҳаббат ба ҳамаи муқаддасон» (Эфс. 1,15).

Оё аҳамияти калон дорад, ки Тимотиюс оид ба *имон ва муҳаббати* онҳо сухан ронда, оид ба умеди онҳо чизе нагуфт? Шояд, шайтон боварии онҳоро ба бозомадани Масеҳ суст карда буд? Шояд. Чунон ки Вилям Линколн гуфтааст: «Шайтон аз ин таълимот нафрат дорад, чунки вай қувваи онро дар зиндагиҳои мо медонад». Агар умеди онҳо комил набошад, Павлус, албатта, ин номаи умедро навишта, чунин ҳолатро ислоҳ кард.

Тимотиюс ҳамчунин хабар дод, ки тасолуникиён дар бораи расул ва ҳамроҳонаш хотираи некро нигоҳ доштаанд ва ба монанди Павлус, Сило ва Тимотиюс хоҳиши гарму самимии боздидро доранд.

**3,7** Ин хабар барои ҷони аз ташнагӣ хасташудаи Павлус чун оби хунук буд (Мас. 25,25). Дар ҳамаи ранҷу азобҳо ва мусибатҳояш имони онҳо ӯро рӯҳбаланд кард.

**3,8** Вай нидо мекунад: *«Чунки акнун мо зинда ҳастем, модоме ки шумо дар Худованд пойдор мебошед»*. Ҳангоме ки Павлус дар ҳолати номуайянӣ ва бехабарӣ буд, ӯ худро ҳамчун ҷасади зинда ҳис мекард. Акнун ки ӯ хабарҳои некро шунид, ҳаёт зуд ба ӯ баргашт. Ин суханон оид ба садоқати фидокоронаи марди Худо чизи бисёре мегӯянд!

**3,9** Расул барои ба таври шоиста ифода намудани *шукргузорие* ки дилашро фаро гирифтааст, сухан намеёбад. Ҳар боре ки ӯ *ба ҳузури Худои* худ онҳоро ба ёд меовард, косаи шодмонии ӯ лабрез мегардид.

**3,10** Павлус мунтазам дуо мекард, на ин ки гоҳ-гоҳе: *шабу рӯз.* Вай пурҳарорат дуо мекард: *бо тамоми ҷидду ҷаҳд.* Талабҳои вай мушаххас буданд: *бо шумо рӯ ба рӯ шавем;* он беғаразона низ буд: *камии имони шуморо пур кунем.*

## Д. Дуои махсуси Павлус (3,11-13)

**3,11** Боб бо дуои Павлус оид ба бозгаштан ба назди тасолуникиён ва оид ба он ки муҳаббати онҳо боз ҳам афзун шавад, ба анҷом мерасад. Ин дуо ба *Худи Худо ва Падари мо ва Худованди мо Исои Масеҳ* равона шудааст. Дар паси ин исмҳо, ки дар шакли ҷамъ мебошанд, феъле дар шумораи танҳо меояд. Ин гуна истифода илоҳияти Масеҳро ва ягонагии Худоро дар назар дорад.

**3,12** Тасолуникиён барои муҳаббати ҳақиқии масеҳиёна зоҳир намуданашон ҳақиқатан шоистаи таҳсин буданд, аммо камолёбӣ ҳадду ҳудуд надорад. Барои ҳамин ҳам расул дуо мекунад, ки муҳаббати онҳо амиқтар шавад: *Худованд муҳаббати шуморо афзун ва фаровон гардонад. Муҳаббати* онҳо бояд ба бародаронашон дар имон ва ба ҳамаи одамон паҳн гардад, аз ҷумла ба душманонашон. Намунаи он бояд муҳаббати расулон бошад: *чунон ки мо низ ба шумо муҳаббат дорем.*

**3,13** Натиҷаи муҳаббат дар ин зиндагӣ покӣ дар ҳаёти оянда хоҳад буд. Агар мо якдигарро ва тамоми инсониятро дӯст дорем, *ҳангоми омадани Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи муқаддасони Худ дилҳои мо дар муқаддасӣ назди Худо ва Падари мо устувор ва беайб*

хоҳанд буд, чунки муҳаббат риояи шариат аст (Рум. 13,8; Яъқ. 2,8).

Касе ин дуои Павлусро бо суханони дигар чунин баён кардааст: «Бигузор Худованд қобилияти барои манфиатҳои дигарон бештар ва бештар ҷони худро фидо кардани шуморо зиёда кунад, то ки Ӯ тавонад шуморо дар хислати масеҳиёна қавӣ гардонад, то ки шумо аз ҳар айбдоркуние ки бар зидди шумо пеш оварда мешавад, сафед карда шавед ...»

Дар боби 2 мо дидем, ки бозомадани Масеҳ якчанд марҳалаҳоро дар бар мегирад: ибтидо, инкишоф, зоҳиршавӣ ва лаҳзаи авҷ. Дар ояти 13 сухан дар бораи марҳалаи сеюм меравад: *омадани Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи муқаддасони Худ*. Дар осмон аллакай доварӣ дар пеши Курсии Доварии Масеҳ ба амал омадааст. Ҳамаи мукофотҳо аллакай дода шудаанд. Аммо ин мукофотҳо аёнан ба ҳама ҳамон вақт зоҳир карда мешаванд, ки Наҷотдиҳанда ба замин чун Шоҳи шоҳон ва Худованди ҳукмронон бармегардад.

*Муқаддасон,* аз афташ, имондороне мебошанд, ки ба осмон бурда шуда буданд (1Тас. 4,14). Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки ин ҷо фариштаҳо дар назар дошта шудаанд, аммо Винсент мегӯяд, ки сухан дар бораи халқи муқаддас ва пурҷалоли Худо меравад. Ӯ ишорат мекунад, ки фариштаҳо бо ин нома ҳеҷ умумияте надоранд, дар ҳоле ки имондорони пурҷалол бо мавзуи нома, ки мавриди таваҷҷӯҳи тасолуникиён буд, зич алоқаманд ҳастанд. Вай илова мекунад: «Ин чиз ҳузури фариштагонро ҳангоми бозомадани Худованд инкор намекунад, аммо ҳангоме ки Павлус ҳузури онҳоро дар назар дорад, вай чунин мегӯяд: бо фариштаҳои қуввати Худ» (2Тас. 1,7).[9]

## III. НАСИҲАТҲОИ АМАЛӢ (4,1–5,22)

### А. Тақдис ҳамчун иҷрои хости Худо (4,1-8)

**4,1** Суханони *«ва акнун»* ҳеҷ маънои онро надоранд, ки Павлус номаро ба анҷом расонданист. Ин суханон бисёр вақт маънои дигар намудани мавзуъро мефаҳмонанд, масалан, гузариш ба насиҳатҳои амалиро.

*Муқаддасӣ, муҳаббат* ва *бозомадан* се калимаи хоси охири боби сеюм мебошанд, ва худи ҳамин калимаҳо се мавзуи асосии боби чорум ҳастанд: 1) муқаддасӣ (о. 1-8), 2) муҳаббат (о. 9.10) ва 3) бозомадан (о. 13-18). Боз як мавзуи асосӣ саъю кӯшиш аст (о. 11.12).

Боби 4 бо хоҳиши боисрори дар муқаддасӣ гаштан ва ҳамин тариқ ба Худо писанд омадан сар мешавад ва бо бурда шудани муқаддасон ба осмон тамом мешавад. Шояд, Павлус ҳангоми навиштани ин дар бораи Ҳанӯх фикр мекард. Ба монандӣ диққат диҳед: 1) Ҳанӯх пеши Худо роҳ мерафт (Ҳас. 5,24), 2) Ҳанӯх ба Худо писанд омад (Ибр. 11,5), ва 3) Ҳанӯх ба осмон бурда шуд (Ҳас. 5,24; Ибр. 11,5).

Расул имондоронро барои муқаддасии амалияшон таҳсин мегӯяд, аммо даъват менамояд, ки барои ба қуллаҳои нави камолот расидан саъй намоянд. Муқаддасӣ на дастовард, балки раванд аст.

**4,2** Ҳангоме ки Павлус дар Тасолуникӣ буд, вай ба эътибори *Худованд* такя намуда, борҳо имондоронро насиҳат мекард, ки муқаддас зиста, ба Худо писанд оянд.

**4,3** *Хости Худо* нисбати халқи Ӯ – муқаддасӣ аст. Муқаддас гардондан (тақдис) – «барои хизмат ба Худо ҷудо кардан» аст. Аз як тараф, ҳамаи имондорон барои хизмат ба Худо аз ҷаҳон ҷудо карда шудаанд; онҳо мувофиқи мақоми ишғолкардаашон муқаддас ҳастанд; ин гуна тақдис комил ва пурра аст (1Қур. 1,2; Ибр. 10,10). Аммо, аз тарафи дигар, имондорон бояд худро муқаддас гардонанд, яъне аз ҳар гуна гуноҳ ҷудо шаванд; ин тақдиси амалӣ ё пешраванда аст. Ин равандест, ки то марги имондор ё то ба омадани Худованд давом мекунад. Ин калима дар ояти 3 маҳз ҳамин маъноро дорад. (Ниг. шарҳи «тақдис» дар 5,23).

Намуди мушаххаси гуноҳ, ки Павлус аз он огоҳ менамояд, алоқаҳои ҷинсии берун аз никоҳ аст; ин ҷо, шояд, зино, хиёнат ба вафодории ҳамсарӣ дар назар дошта шудааст. Ин яке аз гуноҳҳои аситарини ҷаҳони бутпараст аст. Огоҳкунии *«аз зино парҳез кунед»* имрӯзҳо ҳам, ба монанди асри якуми Ҷамоат, зарур аст.

**4,4** Барномаи масеҳиёнаи рафтор аз он иборат аст, ки *ҳар яке аз шумо донад чӣ гуна бадани* (зарфи) *худро дар муқаддасӣ ва шараф нигоҳ дорад.* Дар ин оят калимаи зарф маънои «зан» ё «бадан»-и худи мардро дошта метавонад. Ба маънои «зан» он дар 1Петрус 3,7 вомехӯрад, ба маънои «бадан»– дар 2Қуринтиён 4,7.

Масалан, як нусхаи англисии КМ зарфро ҳамчун «зан» фаҳмида, ин оятро чунин тарҷума мекунад: «То ҳар яке аз шумо донад, ки чӣ гуна дар муқаддасӣ ва шараф ба худ зан гирад». Нусхаи дигар бошад, баръакс, ба он маънои «бадан»-ро медиҳад: «Ҳар яке аз шумо бояд идора кардани бадани худ, тақдис ва эҳтиром намудани онро ёд гирад».

Мувофиқи алоқамандии матн, таҳти калимаи *зарф* зани одам дар назар дошта шудааст. Таълимот дар он аст, ки ҳар як шавҳар бояд зани худро эҳтиром намояд ва ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ шакл ба вафодории ҳамсарӣ хиёнат накунад. Ин чиз мавқеи як ҳамсар доштанро ҳамчун хости Худо тақвият медиҳад (ниг. низ 1Қур. 7,2).

**4,5** Нуқтаи назари масеҳиёна ба оиладорӣ ба куллӣ мухолифи ақидаи беимонон аст. Чунон ки як тафсиркунанда гуфтааст, «вақте ки Исо бар зан даст гузошт (Луқ. 13,13), вай рост шуд. Ҳангоме ки марди бутпараст ба зан даст мерасонад, вай хамида мешавад».

*Халқҳо* дар алоқаи ҷинсӣ воситаи қонеъ намудани *шаҳватро* мебинанд. Дар чашмони онҳо покдоманӣ сустӣ буда, оиладорӣ воситаи қонунӣ гардонидани гуноҳ аст. Онҳо бо суҳбатҳои беадабона ва навиштаҷоти бешармонаашон дар деворҳо аз шармандагии худ лаззат мебаранд.

**4,6** Бадахлоқии ҷинсӣ гуноҳест бар зидди Рӯҳулқудси Худо (1Қур. 6,19); ин гуноҳест бар зидди бадани худ (1Қур. 6,18); ин ҳамчунин гуноҳест бар зидди шахсони дигар. Бинобар ин Павлус илова мекунад: *ва ҳеҷ кас дар ин кор ба бародари худ дасти таҷовуз ё тамаъ дароз накунад.* Дигар хел карда гӯем, масеҳӣ набояд бандҳои никоҳро вайрон кунад ва бародари худро фиреб карда, муҳаббати зани вайро дуздад. Агарчи дар замони мо ин гуна қонуншиканиҳо одатан аз тарафи маҳкама ба таври қонунӣ ҷазо дода намешаванд, *Худованд барои ҳамаи ин корҳо қасос мегирад.* Натиҷаи гуноҳҳои ҷинсӣ ихтилолҳои мудҳиши ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ мешаванд, аммо ҳамаи ин дар муқоиса бо натиҷаҳои абадии онҳо ҳеҷ мебошанд, агар одам тавба накунад ва бахшида нашавад. Павлус ба тасолуникиён дар ин бора мегуфт ва шаҳодат медод.

Яке аз бомаҳораттарин нависандагони англиси асри XIX ба гуноҳи ҷинсӣ афтида, насибаш маҳбас ва шармандагӣ гардид.

Вай навишта буд:

*Худоён ба ман саховатмандона бахшоишҳо дода буданд. Аммо ман ба худ имкон медодам, ки ба қувваи мафтункунандаи беҳиссиётӣ ва ҳиссиётнокӣ ғӯтавар шавам ... Ман аз чизҳои олӣ хаста шуда, дар ҳирси эҳсосотҳои нав дидаву дониста ба варта фурӯ мерафтам ... Ман ба ҳаёти дигарон бепарвоёна муносибат мекардагӣ шудам.*

*Ҳангоме ки ба ман даркор буд, ҳаловатро кашида мегирифтам, ва гузашта мерафтам. Ман фаромӯш кардам, ки ҳар як рафтори одии хурдакак хислатро ба вуҷуд меорад ва ё вайрон мекунад ва бинобар ин ҳар он чи дар ниҳон, дар ҳуҷра карда мешавад, ягон рӯз аз боми хона эълон карда мешавад. Ман инони ихтиёрро аз даст додам. Ман акнун роҳбаладі ҷони худ набудам ва инро намедонистам. Ман ба ҳаловат имкон додам, ки маро соҳиб шавад. Ман худро ба шармандагии даҳшатовар гирифтор намудам.*[10]

Вай ба ҳаёти дигарон бепарвоёна муносибат мекардагӣ шуд ва ё, чунон ки Павлус гуфта метавонист, хилофи қонун рафтор намуд ва ба *бародари худ* зиён расонд.

**4,7** *Худо моро* на ба ҳаёт дар *нопокии* ахлоқӣ, балки *ба муқаддасӣ даъват кардааст.* Ӯ моро аз вартаи гуноҳ даъват карда, дар мо равандеро сар кардааст, ки тамоми умр давом мекунад, ки он бояд моро беш аз пеш ба Ӯ монанд кунад.

**4,8** Ҳар касе ки аз ин насиҳат саркашӣ мекунад, на танҳо ба таълимоти чунин шахсе чун Павлус нафрат дорад; вай ба *Худо* муқобилати рӯйрост нишон медиҳад, Онеро сарфи назар мекунад, рад мекунад ва нафрат дорад, ки ба мо *Рӯҳулқудси Худро ато намудааст.*[11] Калимаи «Рӯҳулқудс» дар ин ҷо маънои махсус дорад. Касе ки Рӯҳулқудс дар вай сокин аст, чӣ гуна метавонад ба бадахлоқӣ дода шавад?

Таваҷҷуҳ намоед, ки дар ин порча ҳар се Шахсияти Ваҳдати Сегона оварда шудаанд: Падар (о. 3), Писар (о. 2) ва Рӯҳулқудс (о. 8). Фикри олидараҷа! Ҳар се Шахсияти илоҳӣ ҳавасманди тақдиси имондор ҳастанд ва дар он иштирок доранд.

Акнун Павлус аз мавзуи шаҳват (о. 1-8) ба муҳаббат (о. 9-12) мегузарад; ва насиҳати худдорӣ ба насиҳат оид ба кӯшиши боҷидду ҷаҳд мегузарад.

**Б. Муҳаббате ки дар ҳаққи дигарон ғамхорӣ мекунад (4,9-10)**

**4,9** Имондор на танҳо бояд хоҷаи бадани худ бошад; дили вай бояд саршори муҳаббат ба бародаронаш дар Худованд низ бошад.

*Муҳаббат* калимаи асосии масеҳият аст, айнан ҳамон тавре ки гуноҳ калимаи асосии бутпарастӣ мебошад.

*Хоҷат* набуд, ки Павлус ба тасолуникиён оид ба ин неккирдорӣ *нависад,* чунки ҳам ба воситаи тадҳини илоҳӣ (1Юҳ. 2,20.27), ҳам ба воситаи насиҳатҳои муаллимони масеҳӣ онҳо *аз Худо омӯхта* буданд, ки ба бародарони худ *муҳаббат дошта* бошанд. Имондорони Тасолуникӣ бо он фарқ мекарданд, ки ба ҳамаи масеҳиён дар тамоми Мақдуния муҳаббат доштанд. Павлус барои ин онҳоро таҳсин намуда, ёди онҳоро ҷовидон гардонд.

**4,10** Чунон ки зикр шуда буд, бародардӯстӣ амали яккарата нест, онро доимо амалӣ гардондан лозим аст; барои ҳамин расул имондоронро насиҳат мекунад, ки *боз ҳам зиёдтар дар* ин амали нек муваффақият ба даст оваранд.

Чаро ба бародардӯстӣ ин гуна аҳамият дода шудааст? Зеро дар ҷое ки муҳаббат ҳаст, ягонагӣ ҳукмфармост, ва он ҷое ки ягонагӣ ҳукмфармост, баракати Худованд он ҷост (Заб. 132,1.3).

**В. Ҳаёте ки ба дигарон шаҳодат медиҳад (4,11-12)**

**4,11** Павлус муқаддасонро водор менамуд, то *саъю кӯшиш* намоянд, ки се корро ба ҷо оваранд. Дар забони имрӯза се дархости ин оят чунин садо медиҳанд:

1. Рӯшноии рампаро (лампаи рӯшноидиҳӣ дар театр) ҷустуҷӯ накунед. Бо он қаноат намоед, ки ҳар кадоми шумо «хурдакак, ба ҳеҷ кас ношинос ҳастед, ки шуморо танҳо Масеҳ дӯст медорад ва таъриф мекунад».
2. Ба ҷои дахолат ба корҳои дигарон *кори худро ба ҷо оваред.*
3. Меҳнат карда, нони худро хӯред. Туфайлихӯр, ё «шуллук» набошед, ки аз ҳисоби дигарон зиндагӣ мекунад.

**4,12** Масеҳӣ будан ва интизори бозомадани Масеҳ буданамон моро аз масъулият дар зиндагии амалӣ озод намекунад. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ҷаҳон моро мушоҳида мекунад. Одамон оид ба Наҷотдиҳандаи мо аз рӯи рафтори мо баҳо медиҳанд. Мо бояд нисбати беимонон *боодобона рафтор кунем* ва аз ҷиҳати молиявӣ ба онҳо вобаста набошем.

**Г. Умеде ки имондоронро тасалло медиҳад (4,13-18)**

**4,13** Имондорони Аҳди Қадим оид ба он ки дар лаҳзаи марг бо бадани одам чӣ рӯй медиҳад, дониши номукаммал ва нопурра доштанд. Мафҳуми «шеол» барояшон дар ифода намудани ҷойгоҳи ҷонҳои ҳам имондорон ва ҳам беимонон калимаи универсалӣ буд.

Онҳо чунин меҳисобиданд, ки ҳама ягон вақт мемиранд ва, аз афташ, дар охири замон зиндашавии умумӣ, сипас доварии охирин хоҳад буд. Марто инро ба таври сода баён мекунад, ҳангоме мегӯяд: «медонам, ки дар растохез, дар рӯзи вопасин, [Элъозор] бармехезад» (Юҳ. 11,24).

Худованд Исо ҳаётро ба воситаи Хушхабар ошкор намуд (2Тим. 1,10). Акнун мо медонем, ки дар лаҳзаи марг имондор меравад, то бо Масеҳ бошад (2Қур. 5,8; Фил. 1,21.23). Дар бораи беимонон бошад гуфта шудааст, ки онҳо дар дӯзах хоҳанд буд (Луқ. 16,22.23). Мо медонем, ки на ҳар имондор мемирад, аммо ҳама дигаргун мешаванд (1Қур. 15,51). Мо медонем, ки беш аз як растохез хоҳад буд. Дар лаҳзаи ба осмон бурда шудан танҳо имондорон зинда мешаванд (1Қур. 15,23; 1Тас. 4,16); беимонони мурда дар охири Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ зинда карда мешаванд (Ваҳй 20,5).

Ҳангоме ки Павлус бори аввал ба Тасолуникӣ омад, вай ба имондорон таълим медод, ки Масеҳ барои подшоҳӣ кардан бозмеояд, ва дар бораи ҳодисаҳое сухан меронд, ки пас аз ин рӯй медиҳанд. Аммо дар айни ҳол одамон дар хусуси муқаддасоне ки аллакай мурдаанд, саволҳо доштанд. Оё баданҳои онҳо то рӯзи охирин дар қабрҳо боқӣ мемонанд? Шояд, онҳо иштирокчии бозомадани Масеҳ ва Подшоҳии пурҷалоли Ӯ нахоҳанд шуд? Барои ба саволҳои онҳо ҷавоб додан ва тарсҳои онҳоро бартараф намудан Павлус тартиби

ҳодисаҳоро ҳангоми бозомадани Масеҳ барои халқи Худ тасвир мекунад.

Расул бо ибораи *«намехоҳем, ки шумо ... бехабар бошед»* диққати хонандагонро ба баёноти муҳим ҷалб мекунад. Он ба касоне *ба хоби марг* рафтаанд, яъне ба имондорони вафоткарда дахл дорад. Бо ибораи «ба хоби марг рафтагон» баданҳои масеҳиёне ифода мегарданд, ки ба олами дигар рафтаанд; ҳангоме ки сухан оид ба рӯҳ ё ҷони онҳо меравад, ин калима ҳеҷ гоҳ истифода намешавад. Хоб – монандкунии муносибест барои марг, чунки одами мурда ба хобида монанд аст. Ва хоб монандкунии маъмулӣ аст, чунки ҳар як шаб барои мо рамзи марг аст, ва ҳар як саҳарӣ ба растохез монанд аст.

Навиштаи Муқаддас онро таълим намедиҳад, ки рӯҳи шахси мурда дар хоб аст. Сарватманд ва Элъозор дар дунёи мурдагон бедор буданд (Луқ. 16,19-31). Ҳангоме ки имондор мемирад, вай «назди Худованд макон мегирад» (2Қур. 5,8). Мурдан маънои ҳамроҳи Масеҳ, дар вазъияте буданро дорад, ки Павлус онро ҳамчун дастовард меҳисобад ва мегӯяд, ки «ин беандоза беҳтар аст» (Фил. 1,21.23). Агар рӯҳ хобида мебуд, ин дуруст буда наметавонист!

Ҳамчунин дар Навиштаи Муқаддас таълимот дар бораи нобудшавии пурра нест. Марг таваққуфи мувaққатӣ нест. Имондор аз ҳаёти абадӣ ҳаловат мебарад (Марқ. 10,30), беимон бошад – аз ҷазои абадӣ азоб мекашад (Марқ. 9,48; Ваҳӣ 14,11).

Расул мегӯяд, ки оид ба қисмати муқаддасони мурда ғамгин шудан ҳеҷ зарурате надорад. Павлус андӯҳро манъ намекунад: Исо дар назди қабри Элъозор гирист, агарчи медонист, ки баъди якчанд дақиқа вайро зинда мекунад (Юҳ. 11,35-44). Аммо Павлус мегӯяд, ки андӯҳи ноумедона барои онҳое муносиб аст, ки умеде ба осмон, ба ҳамроҳшавӣ надоранд, ва онҳоро танҳо доварӣ интизор аст.

Ифодаи *«дигарон, ки умед надоранд»* ба ман маросими ҷанозаро, ки ман дар он ҳозир будам, ёдрас мекунад. Хешовандони ғамзада тобути зани наҷотнаёфтаро печонида гирифта, бо ҳасрат мегиристанд: «Оҳ Мария! Худоё, Худоё, Мария!» Ин манзараи фаромӯшнашавандаи ноумедии бетаскин буд.

**4,14** Умеди имондор бар растохези Масеҳ асос ёфтааст. Чунон ки *мо имон дорем, ки Исо мурд ва бархест,* ҳамин тавр мо низ бешубҳа бовар дорем, ки шахсоне ки дар Масеҳ мурдаанд, зинда шуда, дар бозомадани Ӯ иштирок хоҳанд кард. «Чунон ки дар Одам ҳама мемиранд, ончунон дар Масеҳ ҳама зинда мешаванд» (1Қур. 15,22). Растохези Ӯ далел ва кафолати растохези мост.

Ба ибораи *«онҳое ки дар Исо ба хоби марг рафтаанд»* диққат диҳед. Донистани он ки маҳз Ҳамоне ки ҷонҳои моро дӯст медорад, ба баданҳои дӯстдоштагони Худ хоб медиҳад, маргро аз даҳшатнокиаш маҳрум мекунад.

Боварии пурраи мо оид ба онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, дар он асос ёфтааст, ки *Худо онҳоро бо Ӯ меоварад.* Инро ду хел фаҳмидан мумкин аст.

1. Ин маънои онро дошта метавонад, ки дар лаҳзаи ба осмон бурда шудан Худо баданҳои имондоронро зинда мекунад ва ҳамроҳи Худованд Исо ба осмон меоварад.
2. Ё, ҳангоме ки Масеҳ ба замин барои подшоҳӣ кардан ба замин бозмеояд, Худо ҳамроҳи Ӯ ҳамчунин онҳоеро бармегардонад, ки дар имон мурдаанд. Дигар хел карда гӯем, расул мегӯяд: «Аз он ба ташвиш наоед, ки мурдагон ҷалоли Подшоҳии меомадаро надида мемонанд. Ҳангоме ки Исои Масеҳ дар қувва ва ҷалоли азим бозмегардад, Худо онҳоро ҳамроҳи Ӯ бозмегардонад». (Бисёрии олимон тарафдори ҳамин маънидод мебошанд).

Аммо ин чӣ гуна ба амал омада метавонад? Охир, ҳозир баданҳои онҳо дар қабрҳо мебошанд. Ҷавоб дар оятҳои 15-17 дода шудааст. Пеш аз он ки Масеҳ барои барпо намудани Подшоҳии Худ меояд, Ӯ бозмегардад, то ки халқи Худро барои бо Ӯ дар осмонҳо будан бигирад. Сипас, дертар, Ӯ ҳамроҳи онҳо бозмегардад.

**4,15** Павлус инро аз куҷо медонист? Ҷавоби вай чунин аст: *«инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем».* Вай аз *Худованд* ваҳйи бевосита гирифт. Ба мо чизе гуфта нашудааст, ки вай онро чӣ тавр гирифт: дар руъё, ё вай овозеро шунид, ё ба воситаи нақш бандондани дохилии Рӯҳулқудс. Аммо комилан аниқ аст: ин ҳақиқатест, ки то он дам ба одамон маълум набуд.

Сипас вай фаҳмонида, давом медиҳад, ки дар лаҳзаи бозомадани Масеҳ имондорони

зинда ҳеҷ гуна афзалияте ё имтиёзе дар назди имондорони мурда нахоҳанд дошт.

Дар ин оят Павлус оид ба худ ҳамчун *то омадани* Масеҳ *боқӣ монда* сухан меронад (ниг. инчунин ба 1Қур. 15,51.52). Аммо дар 2Қур. 4,14 ва 5,1 вай мегӯяд, ки дар байни онҳое буда метавонад, ки зинда мешаванд. Хулосае ба миён меояд: мо бояд бозомадани Худовандро ҳар лаҳза интизор бошем ва дар айни замон дарк намоем, ки шояд ба воситаи марг ба осмонҳо даъват карда мешавем.

**4,16** Сипас тартиби аниқи ҳодисаҳо ҳангоми бозомадани Масеҳ барои муқаддасонаш баён карда шудааст. *Худи Худованд аз осмон фуруд меояд.* Ӯ фariштаро равон намекунад, балки Худаш меояд!

Ин *бо фармони баландовоз, бо овози сардори фariштагон ва садои карнайи Худо рӯй медиҳад.* Якчанд тафсири маънои ин садоҳои даъват вуҷуд доранд, аммо оид ба ҳеҷ яки онҳо бо қатъияти пурра сухан рондан имкон надорад.

1. Баъзе тадқиқотчиён ақида доранд, ки *фармони баландовоз* овози Худи Худованд Исо аст, ки мурдагонро зинда мекунад (Юҳ. 5,25; 11,43.44) ва зиндагонро дигаргун мекунад. Дигарон, ба монанди Ҳогг ва Вайн, мегӯянд, ки ин нидо садои сардори фariштагон аст.
2. *Овози сардори фariштагон* Микоилро одатан чун фармони ҷамъшавии муқаддасони Аҳди Қадим мефаҳманд, чунки сардори фariштагон Микоил бо Исроил робитаи зич дорад (Дон. 12,1; Яҳ. 9; Ваҳӣ 12,4-7). Дигарон чунин меҳисобанд, ки *овози сардори фariштагон* фariштагонро ҷамъ мекунад – қувваи ҳарбиро барои ба Худованд ва муқаддасони Ӯ ҳамроҳӣ кардан аз байни ҳудуди душман ба ақиб ба осмон (бо Луқ. 16,22 муқоиса кунед).
3. *Карнайи Худо* – худи ҳамон карнайи охирин дар 1Қур. 15,52 аст, ки бо зинда шудани муқаддасон ҳангоми ба осмон бурда шудан дар он аст. Он муқаддасонро ба баракатҳои ҷовидонӣ даъват мекунад. Онро бо карнайи ҳафтум дар Ваҳӣ 11,15-18, ки дар давраи мусибати бузург ба замин қатъиян фурӯ рехтани доварӣ ва ғазабро хабар медиҳад, омехта набояд кард. Ин ҷо карнайи охирин – карнайи охирин барои Ҷамоат аст, карнайи ҳафтум дар Ваҳӣ бошад карнайи охирин барои ҷаҳони беимон аст (агарчи он ҳеҷ гоҳ маҳз «карнайи охирин» номида намешавад).

Баданҳои *онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд,* пеш аз ҳама *бармехезанд.* Баҳснок аст, ки ба ин ҷо муқаддасони Аҳди Қадим дохил ҳастанд ё не. Онҳое ки мувофиқи ақидаашон муқаддасони Аҳди Қадим низ ба ин ҷо дохил ҳастанд, ба он истинод меоваранд, ки дар ин ҳангом садои фariштаи муқарраб шунида мешавад, ки бо тақдири Исроил робитаи наздик дорад (Дон. 12,1). Аммо онҳое ки мувофиқи ақидаашон муқаддасони Аҳди Қадим ҳангоми ба осмон бурда шудан зинда намешаванд, ишора менамоянд, ки суханони *«онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд»* ҳеҷ гоҳ дар ҳаққи имондороне ки то давраи Ҷамоат зистаанд, истифода намешаванд; ин имондорон, аз афташ, дар охири мусибати бузург зинда карда мешаванд (Дон. 12,2). Дар ҳама ҳолат пурра равшан аст, ки ин ҳанӯз растохези ҳамагонӣ нест. На ҳамаи мурдагон дар ин вақт зинда карда мешаванд, балки танҳо *онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд.*

**4,17** Сипас зиндаҳо *ҳамроҳи онҳо бар абрҳо бурда* мешаванд, *то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз* гиранд. «Ба осмон бурда шудан» («Болошавӣ»), ки марҳалаи якуми ба замин бозгаштани Худовандро бо он тасвир мекунем, дар асл аз феъле пайдо шудааст, ки маънои «даррабудан, дошта гирифтан»-ро дорад. Он маънои «даррабуда шудан, бардошта шудан, гирифта бурда шудан»-ро дорад. Он дар ҳикояи оид ба Филиппус (Аъм. 8,39), Павлус (2Қур. 12,2.4) ва дар Ваҳӣ 12,5 нисбати «навзоди мардина» истифода мешавад.

*Ҳаво* – соҳаи ҳукмфармоии иблис аст (Эфс. 2,2), барои ҳамин ҳам ба осмон бурда шудан маънои ҷамъомади тантананокро дорад ва ошкорову комилан сарфи назар намудани ҳуқуқҳои иблис дар истеҳкоми худи вай мебошад.

Дар бораи ҳамаи он чи ин оятҳо дар бар мегиранд, фикр кунед! Замин ва баҳр турбати ҳамаи одамонеро, ки дар Масеҳ мурдаанд, бозмегардонанд. Сипас муъҷизаи дигаргуншавӣ, ки дар давоми он ин турбатҳо ба баданҳои бо партави ҷалол фаро гирифташуда мубаддал мегарданд, – баданҳое ки ҷовидона аз беморӣ, азоб ва марг халос шудаанд. Сипас парвози кайҳонӣ ба осмон. Ва ҳамаи ин дар як мижа задан ба амал меояд (1Қур. 15,52).

Одамони беимон ба тасвири таърихи офариниши одам дар Ҳастӣ боби 1 ва 2 бовар карда наметавонанд. Агар ба таърихи офариниш бовар кардани онҳо душвор бошад, пас, ба осмон бурда шуданро онҳо чӣ гуна қабул мекунанд, ҳангоме Худо миллионҳо одамонро аз турбате ки дафн шуда буд, пароканда шуда буд ё дар соҳилҳои тамоми ҷаҳон об бурда буд, зинда мекунад?

Одамони ин ҷаҳон аз парвозҳои кайҳонӣ ба ваҷд меоянд. Аммо оё дастовардҳои бузурги онҳо метавонанд бо муъҷизаи дар як мижа задан ба осмон сафар кардан баробар шаванд, бе зарурати бо худ гирифтани ҳавои мо, чунон ки кайҳоннавардон ҳангоми ба муддати кӯтоҳ ба фазо баромадан мекунанд?

Дар робита бо бозомадани Масеҳ садое шунида хоҳад шуд, манзарае намудор хоҳад шуд, муъҷизае ба амал хоҳад омад, хурсандии вохӯрӣ ва эҳсоси осоиш ва тасалло хоҳад буд.

Ба такрор шудани калимаи *«Худованд»* дар ин оятҳо диққат додан хуб аст: Каломи Худованд (о. 15), Худи Худованд (о. 16), *то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем* (о. 17), *ҳамеша бо Худованд мешавем* (о. 17).

Ҷовидона *бо Худованд!* Кӣ метавонад тамоми хурсандӣ ва хушбахтиеро, ки дар ин суханон ҳастанд, ифода намояд?

**4,18** *Пас, ҳамдигарро бо ин суханон тасалло диҳед.* Фикр оид ба омадани Худованд дар имондорон даҳшатро ба вуҷуд намеорад. Он бо умеде вобастааст, ки дили имондоронро бо ҳаяҷон пур мекунад, рӯҳбаланд мекунад ва тасалло медиҳад.

---

## НИШОНАҲОИ ОХИРЗАМОН

Бисёр аломатҳои нишондиҳандаи он ҳастанд, ки ба осмон бурда шудан ба зудӣ ба амал омада метавонад. Мо аломатҳои зеринро ҳамчун огоҳкунӣ дида мебароем:

1. Дар соли 1948 ташкил шудани давлати Исроил (Луқ. 21,29). Дарахти анҷир (Исроил) мешукуфад, яъне барг мебарорад (Луқ. 21,29-31). Бори аввал дар давоми қариб бист аср яҳудиён ҳамчун миллат дар давлати худ зиндагӣ мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки Подшоҳии Худо наздик аст.
2. Афзудани эътибори бисёр халқҳо ва миллатҳои дигар (Луқ. 21,29). Исо пешгӯӣ кард, ки на танҳо дарахти анҷир, балки тамоми дарахтони дигар низ мешукуфанд. Ба қарибӣ мо шоҳиди анҷом ёфтани идоракунии мустамликавӣ ва бунёд ёфтани миллатҳои нав будем. Мо дар давраи миллатчигии нав зиндагӣ мекунем.
3. Исроил ба замини худ дар беимонӣ баргашт (Ҳиз. 36,24.25). Пайғамбар Ҳизқиёл пешгӯӣ кард, ки яҳудиён танҳо баъди ба замини худ баргаштан аз гуноҳҳояшон пок карда мешаванд. Дар замони ҳозира Исроил асосан миллати ба тарафи моддият нигаронидашуда, агностикӣ аст; танҳо қисми ками (аммо хеле баланд баромадкунандаи) миллат яҳудиёни ортодокс (эътиқодманд) мебошанд.
4. Ҳаракати экуменӣ (Ваҳй 17 ва 18). Бобили бузург гуфта мо низоми азими динӣ, сиёсӣ ва иқтисодиеро мефаҳмем, ки аз давлатҳои динии муртад иборат аст, ки даъвои масеҳӣ будан доранд, шояд омехтаи католисизми муртад ва протестантизми муртад. Дунёи масеҳӣ беш аз пеш гирифтори таълимоти бардурӯғ мешавад (1Тим. 4,1; 2Тас. 2,3) ва барои бунёд намудани абарҷамоати ҷаҳонӣ кӯшиш мекунад.
5. Дар ҳама ҷо паҳн шудани ҷодугарӣ (1Тим. 4,1-3). Ҳозир он масоҳатҳои азимро забт карда истодааст.
6. Таназзули даҳшатноки меъёрҳои одоб ва ахлоқ (2Тим. 3,1-5) Матбуоти даврӣ барои ин мисолҳои зиёде медиҳад.
7. Зӯроварӣ ва беитоатии шаҳрвандӣ (2Тас. 2,7.8). Ҳаёти хонагӣ ва ҷамъиятӣ ва ҳатто ҷамоат пур аз рӯҳи қонуншиканӣ мебошанд.
8. Одамоне ки зоҳиран тақводор метобанд, аммо аз қувваи он маҳрум шудаанд (2Тим. 3,5).
9. Афзудани рӯҳияи зиддимасеҳиёна (1Юҳ. 2,18), ки дар паҳншавии фирқаҳои дурӯғин зоҳир мегардад. Ин фирқаҳо даъвои масеҳӣ номида шудан доранд, аммо ҳамаи таълимотҳои асосии имонро рад мекунанд. Онҳо тақлид намуда, фиреб мекунанд (2Тим. 3,8).
10. Майли кишварҳо ба ҳамкорӣ дар созмонҳое ки ба созмонҳои давраи рӯзҳои

охир қариб монанданд. Бозори Умумии Аврупо, ки дар муоҳидаи Рум асос ёфтааст, ба растохези империяи Рум оварда метавонад – даҳ ангушти пойҳо аз оҳан ва гил (Дон. 2,32-35).

11. Рад кардани дахолати омадаистодаи Худо ба корҳои ҷаҳон, ки дар доварии Ӯ ифода хоҳад ёфт (2Пет. 3,3.4).

Ба ин чунин аломатҳоеро чун заминҷунбӣ дар бисёр кишварҳо, хатари гуруснагии умумиҷаҳонӣ ва афзудани душмании миллатҳо ба ҳамдигарро илова кардан мумкин аст (Мат. 24,6.7). Ба нигоҳдории қонуну тартибот ва саркӯб намудани терроризм қобил набудани ҳукуматҳо шароитро барои ба сари ҳокимият омадани диктатори ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Афзоиш додани захираҳои аслиҳаи ҳастаӣ маънои наверо ба ин қабил саволҳо медиҳад: «Кист, ки бо вай (яъне бо ҳайвони ваҳшӣ) ҷангида тавонад?» (Ваҳй 13,4). Дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани телевизион метавонад барои иҷро шудани Навиштаҳо, ки ҳодисаҳои барои тамоми сайёра намоёнро тасвир мекунад, хизмат кунад (Ваҳй 1,7).

Пешгӯӣ шудааст, ки қисми зиёди ин ҳодисаҳо пеш аз ҳамчун Подшоҳ ба замин бозгаштани Масеҳ ба амал меоянд. Дар Навиштаи Муқаддас оид ба он ки онҳо пеш аз ба осмон бурда шудан ба амал меоянд, чизе гуфта нашудааст, аммо гуфта шудааст, ки онҳо то дар ҷалол зоҳир шудани Ӯ ба амал меоянд. Агар ин дуруст аст ва агар мо аллакай ин равишҳоро дар инкишоф мебинем, пас, метавон хулоса намуд, ки ба осмон бурда шудан наздик аст.

---

## Ғ. Рӯзи Худованд (5,1-11)

**5,1** Муаллимони Каломи Худо аксаран аз он шикоят мекунанд, ки матн ба воситаи ҷудокунии бобҳо канда мешавад, ва мегӯянд, ки мавзуъ бояд канда нашуда (бе фосила) давом кунад. Аммо дар ҳолати додашуда ба бобҳо тақсим намудан пурра муносиб аст. Павлус мавзуи навро сар мекунад. Вай мавзуи ба осмон бурда шуданро тарк намуда, ба мавзуи рӯзи Худованд рӯ меоварад. Калимаҳое ки ҳамчун «аммо дар бораи ...» тарҷума шудаанд, ба фикри нав ишора мекунанд, чунон ки ин дар Қуринтиён ҷой дорад.

Барои имондорони ҳақиқӣ ба осмон бурда шудан умеди тасаллодиҳандаест, аммо барои онҳое ки аз Масеҳ дур ҳастанд, он чӣ маъно хоҳад дошт? Барои онҳо ин ибтидои давраест, ки дар ин ҷо *замонҳо ва мӯҳлатҳо* номида шудааст. Ин давра пеш аз ҳама хусусияти яҳудиёна дорад. Дар ин давра Худо муносибатҳои Худро бо халқи Исроил аз нав барқарор мекунад, ва он ҳодисаҳои замонҳои охир, ки пайғамбарони Аҳди Қадим ишора карда буданд, ба амал меоянд. Исо ба саволи расулон оид ба он ки кай Ӯ Подшоҳии Худро барпо мекунад, ҷавоб дод, ки замонҳо ва мӯҳлатҳоро донистан кори онҳо нест (Аъм. 1,7). Чунин ба назар мерасад, ки *замонҳо ва мӯҳлатҳо* давраи то барпошавии Подшоҳиро, ва низ давраи худи Подшоҳиро дар бар мегиранд.

Павлус чунин меҳисобид, ки ба Тасолуникиён оид ба *замонҳо ва мӯҳлатҳо навиштан ҳоҷат надорад*. Пеш аз ҳама барои он ки онҳо ба масеҳиён таъсир нахоҳанд дошт: муқаддасон ҳанӯз пеш аз сар шудани ин давра ба осмон бурда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, *замонҳо ва мӯҳлатҳо* ва рӯзи Худованд – мавзуъҳое мебошанд, ки дар Аҳди Қадим пайдо кардан мумкин аст. Ба осмон бурда шудан бошад – сиррест (1Қур. 15,51), ки то давраи расулон ошкор нашуда буд.

**5,2** Муқаддасон аллакай дар бораи *рӯзи Худованд* медонистанд. Онҳо медонистанд, ки вақти аниқи фаро расидани он маълум нест ва он ҳамон вақт меояд, ки камтар аз ҳама интизораш хоҳанд буд. *Рӯзи Худованд* гуфта Павлус чиро дар назар дорад? Ин, албатта, на рӯзест, ки аз 24 соат иборат аст, балки фосилаи вақтест бо хусусиятҳои хоси худ.

Дар Аҳди Қадим бо ин истилоҳ ҳар кадом марҳалаи доварӣ, валангоршавӣ ва зулмот ифода карда мешуд (Иш. 2,12; 13,9-16; Юил 2,1.2). Дар тасаввури онҳо ин вақте буд, ки Худованд бар зидди душманони Исроил бармехезад ва онҳоро ба таври ниҳоӣ ҷазо медиҳад (Саф. 3,8-12; Юил 3,14-16; Уб. 15-17; Зак. 12,8.9). Аммо ин ҳамчунин ҳар дафъаест, ки Худованд халқи Худро барои гуноҳҳояш ва аз имон дур шуданаш ҷазо медиҳад (Юил 1,15-20; Ом. 5,18; Саф. 1,7-18). Ин пеш аз ҳама рӯзи доварӣ барои гуноҳ ва рӯзи пирӯзӣ барои манфиатҳои Худованд (Юил 2,31.32), ва баракатҳои фаровон ба халқи бовафои Ӯ.

Дар оянда муддати *рӯзи Худованд* бо муддати замонҳо ва муҳлатҳо тақрибан баробар хоҳад буд. Он баъди ба осмон бурда шудан сар мешавад ва инҳоро дар бар хоҳад гирифт:

1. Вақти мусибати бузург, яъне замони тангӣ барои Яъқуб (Дон. 9,27; Ирм. 30,7; Мат. 24,4-28; 2Тас. 2,2; Ваҳй 6,1-19,16).
2. Бозомадани Масеҳ бо муқаддасонаш (Мал. 4,1-3; 2Тас. 1,7-9).
3. Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ дар замин (Юил 3,18 [муқоиса кунед бо о. 14]; Зак. 14,8. 9 [муқоиса кунед бо о. 1]).
4. Ба таври ниҳоӣ вайрон карда шудани осмон ва замин дар оташ (2Пет. 3,7.10).

*Рӯзи Худованд* – вақтест, ки Яҳува ба корҳои инсон рӯйрост мудохила мекунад. Он бо доварӣ бар душманони Исроил ва қисми аз бовар дуршудаи халқи Исроил, халосии халқи Ӯ, барпо шудани Подшоҳии осоиши Масеҳ, гулгулшукуфии он ва ҷалол барои Худи Ӯ тавсиф карда мешавад.

Расул ба хонандагони худ ёдрас мекунад, ки *рӯзи Худованд чун дузде ки шаб меояд, фаро мерасад.* Он тамоман ғайричашмдошт меояд ва одамонро ғофилгир мекунад. Ҷаҳон тамоман омоданашуда хоҳад буд.

**5,3** Ҳамчунин ин рӯз банохост, ба таври фиребанда, харобиовар, ногузир ва ҳатман фаро хоҳад расид.

Дар ҷаҳон муҳити боваринокӣ ва бехатарӣ ҳукмфармо хоҳад буд. Он гоҳ доварии Худо бо қувваи харобиовари азим фурӯ хоҳад рехт. *Ҳалокат* – аз ҳаёт маҳрум шудан ё пурра нобуд шудан нест; ин маҳрум шудан аз некӯаҳволӣ ё шикаст, мақсад ва маънои мавҷудияти инсонро аз даст додан аст. Он ҳамон гуна ғайричашмдошт ва ногузир хоҳад буд, *чунон ки зани ҳомиладор* ногузир *ба дарди зоиш дучор меравад.* Беимонон аз ин доварӣ наҷот нахоҳанд ёфт.

**5,4** Зикр намудани гузариш аз ҷонишини «онҳо» дар ояти пештара, ба «шумо» ва «мо» дар оятҳои оянда муҳим аст.

Рӯзи Худованд барои ҷаҳони наҷотнаёфта рӯзи ғазаб хоҳад буд. Аммо барои мо он чӣ маъно хоҳад дошт? Ҷавоб чунин аст: Ба мо хатар таҳдид намекунад, чунки мо *дар торикӣ нестем.*

Ин *рӯз* ончунон меояд, чунон ки дузд дар шаб (о. 2). Он *чун дузд* бар ҳар касе *меояд,* аммо танҳо онҳоеро, ки дар торикии шаб ҳастанд, яъне бозгаштнакардагонро ғофилгир мекунад. Он имондоронро ғофилгир намекунад, чунки онҳо *дар зулмот* нестанд.

Ҳангоми бори аввал хондан чунин таассуроте пайдо шуда метавонад, ки рӯзи Худованд бар имондорон меояд, аммо на ҳамчун дузд. Аммо ин тавр нест. Он тамоман бар онҳо намеояд, чунки ҳангоме ки дузд ба шаби ин ҷаҳон меояд, муқаддасон дар нури ҷовидон хоҳанд буд.

**5,5** Масеҳиён *писарони нур ва писарони рӯз* ҳастанд; онҳо *на писарони шаб* ҳастанд, *на писарони торикӣ.* Маҳз ба ҳамин сабаб онҳо аз доварие барканор хоҳанд буд, ки онро Худо бар ҷаҳоне ки Писари Ӯро рад кард, фуруд хоҳад овард. Довариҳои рӯзи Худованд танҳо бар зидди онҳое равона карда шудаанд, ки дар зулмоти ахлоқӣ ва шаби рӯҳӣ қарор доранд.

Ҳангоме дар ин ҷо гуфта мешавад, ки масеҳиён *писарони рӯз* ҳастанд, ин маънои онро надорад, ки сухан дар бораи рӯзи Худованд меравад. Писарони рӯз будан – халқи ба подшоҳии бовиҷдонии ахлоқӣ тааллуқдошта будан аст. Рӯзи Худованд вақти доварӣ бар раияти подшоҳии торикии ахлоқӣ мебошад.

**5,6** Дар се ояти баъдина Павлус имондоронро даъват менамояд чунон зиндагӣ кунанд, ки ба вазъияту мақоми истисноии онҳо мувофиқат кунад. Ин бедорӣ ва ҳушёриро дар назар дорад. Мо бояд *бедор* бошем, аз васвасаҳо, танбалӣ, сустӣ ва парешонҳотирӣ эҳтиёт шавем. Албатта, мо бояд дар интизори бозгашти Наҷотдиҳанда *бедор* бошем.

Ҳушёрӣ ин ҷо на танҳо ҳушёрӣ дар суҳбатҳо ва умуман дар тарзи рафтор, балки риояи эътидол дар хӯрдан ва нӯшидан аст.

**5,7** Одатан *хоб* фикран ба *шаб* алоқаманд карда мешавад. Бинобар ин дар соҳаи рӯҳонӣ бепарвоии саҳлангорона ифодакунандаи хислати писарони зулмот, яъне бозгаштнакардагон аст.

Одамон *шабона* оростани базмҳои бадмастонаи худро афзал мешуморанд. Онҳо торикиро аз рӯшноӣ бештар дӯст медоранд, чунки корҳои онҳо бад аст (Юҳ. 3,19). Худи номи «маҳфили шабона» хаёлан бо бадмастӣ ва айшу ишрат монанд карда мешавад.

**5,8** *Писарони рӯз* бояд дар рӯшноӣ қадамгузор бошанд, чунон ки Ӯ дар рӯшноист (1Юҳ. 1,7). Ин чунин маъно дорад: гуноҳро маҳкум кардан, аз он даст кашидан ва аз ҳар гуна исрофкорӣ ва ифроткорӣ канораҷӯӣ

кардан. Ҳамчунин либоси ҷангии масеҳиёнаро дар бар карда, онро бадар накардан лозим аст. Ин либоси ҷангӣ аз *зиреҳи имону муҳаббат ва худи умеди наҷот* иборат аст. Дигар хел карда гӯем, ин либоси ҷангӣ *имон, муҳаббат ва умед* мебошад – се сифати асосии хислати масеҳиёна. Ҷузъиёти *зиреҳ ва хӯдро* дар ин ҷо таҳлил кардан зарур нест. Расул фақат мехоҳад гӯяд, ки писарони нур бояд пӯшиши ҳимояткунандаи зиндагии парҳезгорона ва собитқадамонаро пӯшида гарданд. Чӣ чиз моро аз вайроние ки дар ҷаҳон аз боиси шаҳват ҳаст, ҳифз мекунад? *Имон* ё боварӣ ба Худо. *Муҳаббат* ба Худованд ва ба якдигар. *Умед* ба бозгаштани Масеҳ.

Муқобилгузориҳои муҳиме ки дар боби панҷум оварда шудаанд:

| **Беимонон** | **Имондорон** |
|---|---|
| («онҳо») | («шумо») |
| хобида; | бедор; |
| маст; | ҳушёр; |
| дар торикӣ; | на дар торикӣ; |
| писарони шаб ва торикӣ; | писарони рӯз ва писарони нур; |
| рӯзи Худованд чун дузде ки шаб меояд, фаро мерасад; | шумо дар торикӣ нестед, ки он рӯз бар шумо чун дузд ояд; |
| ногаҳон ба ҳалокат дучор мешаванд, чунон ки зани ҳомиладор ба дарди зоиш дучор мешавад. | на барои ғазаб таъйин кардааст, балки барои ёфтани наҷот. |

**5,9** Ба осмон бурда шудан ду ҷиҳат дорад: *наҷот* ва *ғазаб*. Барои имондор он маънои анҷоми ниҳоии наҷоти вай дар осмонро дорад. Барои беимон он дохилшавӣ ба давраи *ғазаб* дар замин аст.

Азбаски мо писарони рӯз ҳастем, Худо моро *на барои ғазаб таъйин кардааст,* ки Ӯ онро дар давраи мусибати бузург фурӯ мерезонад, балки баръакс, барои *наҷот* ба маънои том – барои озодии ҷовидон аз ҳузури гуноҳ.

Баъзеҳо ғазабро ҳамчун ҷазое мефаҳманд, ки беимонон дар дӯзах гирифтори он хоҳанд буд. Албатта, дуруст аст, ки Худо моро на барои ин таъйин намудааст, аммо ин гуна фикр дар ин ҷой асос надорад. Павлус на оид ба дӯзах, балки оид ба фалокатҳое мегӯяд, ки ба замин меоянд. Ин ҷо сухан оид ба рӯзи Худованд меравад – давраи бузургтарини ғазаб дар таърихи инсоният (Мат. 24,21). Моро бошад на вохӯрӣ бо ҷаллод, балки вохӯрӣ бо Наҷотдиҳанда интизор аст.

Баъзеҳо мегӯянд, ки давраи мусибати бузург вақти ғазаби иблис аст (Ваҳй 12,12), на ғазаби Худо. Онҳо мегӯянд, ки Ҷамоат ғазаби иблисро аз сар хоҳад гузаронд, аммо аз ғазаби Худо ҳангоми омадани дуюми Масеҳ раҳо карда мешавад. Аммо дар оятҳои зерин оид ба ғазаби Худо ва Барра гуфта мешавад, ва ин дар заминаи давраи мусибати бузург аст: Ваҳй 6,16.17; 14,9.10.19; 15,1.7; 16,1.19.

**5,10** Дар ояти 10 он нархи гароне таъкид карда мешавад, ки Худованд Исои Масеҳ пардохт, то моро аз ғазаб раҳоӣ бахшад ва наҷоти моро таъмин намояд: *Ӯ барои мо мурд, то мо, хоҳ бедор бошем, хоҳ хобида, бо якҷоягии Ӯ зист кунем.*

Ду тафсири ибораи *«хоҳ бедор бошем, хоҳ хобида»* ҳаст. Баъзе илоҳиётшиносон онро ба чунин маъно мефаҳманд: зиндаҳо ва мурдаҳо ҳангоми ба осмон бурда шудан. Онҳо ба он ишора мекунанд, ки дар он давра ду навъи имондорон хоҳанд буд – дар Масеҳ мурдагон ва дар қайди ҳаёт будагон. Ҳамин тариқ, фикр ба он нигаронида шудааст: новобаста ба он ки мо ҳангоми бозгашти Масеҳ дар байни зиндаҳо ва ё мурдаҳо бошем, *бо якҷоягии Ӯ зист мекунем.* Масеҳиёни мемурда ҳеҷ чизро аз даст намедиҳанд. Худованд инро ба Марто фаҳмонд: «Ман растохез ва ҳаёт ҳастам, ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар мурад ҳам (яъне масеҳие ки то болошавии ҷамоат мемирад), зинда хоҳад шуд (яъне аз мурдагон зинда карда хоҳад шуд); ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад (яъне имондоре ки дар вақти Болошавӣ зинда аст), то абад намемурад» (Юҳ. 11,25.26).

Нуқтаи назари дигар он аст, ки *«хоҳ бедор бошем, хоҳ хобида»* ҳушёрон ё онҳоеро, ки бо давуғеҷи дунявӣ машғуланд, дар назар дорад. Дигар хел карда гӯем, Павлус гӯё мегӯяд, ки новобаста ба он ки мо аз ҷиҳати рӯҳонӣ бедорем ё ба чизҳои рӯҳонӣ бепарво ҳастем, ба осмон бурда мешавем, то бо Худованд вохӯрем. Мувофиқи ин ақида, наҷоти ҷовидонӣ ба саъю кӯшиши рӯҳониамон дар лаҳзаҳои охирини дар замин будан вобаста нест. Агар мо

ҳақиқатан бозгашткардагон бошем, ҳангоми бозомадани Ӯ *бо якҷоягии Ӯ зист мекунем,* новобаста ба он ки бо ҳаяҷон интизораш будем ё дар ҳолати пинак рафтан будем. Ба ҳолати рӯҳонии мо мукофотҳо вобастаанд, аммо наҷоти мо танҳо вобастаи имон ба Масеҳ аст.

Онҳое ки ин ақидаро тарафдорӣ мекунанд, ба он истинод меоранд, ки калимаи чун *бедор* тарҷумашуда айнан ҳамонест, ки дар ояти 6 ҳаст. Ва калимае ки чун *хобида* тарҷума шудааст, дар оятҳои 6 ва 7 маънои «бепарвоӣ ба чизҳои илоҳӣ ва муросо бо чизҳои ҷаҳонӣ»-ро дорад (Вайн). Аммо ин на ҳамон калима аст, ки дар 4,13-15 ба маънои «марг» истифода шудааст.[12]

**5,11** Дар интизори чунин наҷоти бузург, аз муҳаббат ба чунин Наҷотдиҳандаи бузург ва дар партави бозгашти наздикшудаи Ӯ мо бояд ҳамдигарро бо таълимот, рӯҳбаландкунӣ ва намуна насиҳат диҳем ва ҳамдигарро бо Каломи Худо ва ғамхории дӯстдорона қавӣ гардонем. Маҳз барои он ки бо Ӯ хоҳем буд, мо бояд ҳозир дар ризоят бо ҳамдигар зиндагӣ кунем.

### Д. Насиҳатҳои гуногун ба муқаддасон (5,12-22)

**5,12** Аз афташ, пирони ҷамоати Тасолуникӣ онҳоеро, ки корро тарк карда, аз ҳисоби дигарон мезистанд, сарзаниш мекарданд. Ва, албатта, туфайлихӯрҳо ба сарзаниши онҳо на он қадар аҳамият медоданд! Ин даъватро, ки ҳам ба шубонон ва ҳам ва аъзоёни ҷамоат нигаронида шудааст, бо ҳамин маънидод кардан мумкин аст.

Павлус ба *қадрдонӣ* намудани *он касоне ки дар миёни шумо меҳнат мекунанд,* даъват намуда, роҳбарони рӯҳонӣ ва итоат ба онҳоро дар назар дорад. Ин аз суханони *«сарварони шумо дар Худованд буда, шуморо насиҳат медиҳанд»* аён аст. Пирон – чӯпонон барои гӯсфандони Худо ҳастанд. Онҳо барои таълим додан, идора кардан ва огоҳӣ додан масъуланд.

Ин яке аз оятҳои бисёри Аҳди Нав аст, ки аз набудани яккасардорӣ дар ҷамоати расулон гувоҳӣ медиҳанд. Дар ҳар як ҷамоат гурӯҳи пирон буданд, ки вазифаи шубониро ба ҷо меоварданд. Чунон ки Деннӣ шарҳ медиҳад:

*Дар Тасолуникӣ сардори ягона, коҳине ба маънои имрӯза набуд, ки масъулияти мустасное бар дӯши вай бошад; роҳбарӣ дар дасти гурӯҳи мардон буд.*[13]

Аммо набудани яккасардорӣ тамоман маънои онро надорад, ки ҳар як кас сардор аст. Ҷамъомад бояд на демократия, балки аристократия бошад, ҳангоме онҳое идора мекунанд, ки қобилияти бештар доранд.

**5,13** Пирон ҳамчун намояндагони Худованд баромад мекунанд. Кори онҳо кори Худост. Бинобар ин ба онҳо бо камоли эҳтиром ва *муҳаббат* муносибат кардан лозим аст.[14] Супориши дар муносибат *бо якдигар дар сулҳ зист кардан* иловаи тасодуфӣ нест. Мушкилии муҳимтарини масеҳият – бо ҳам муросо кардан аст. Дар ҳар як масеҳӣ ба қадри кофӣ чизҳои ҷисмонӣ ҳастанд, ки ҳар гуна ҷамоатро ҷудо ва вайрон карда метавонанд. Танҳо аз Рӯҳ пур шуда, мо метавонем муҳаббат, фурӯтанӣ, тоқат, таҳаммул, меҳрубонӣ, раҳмдилӣ ва омурзиш зоҳир намоем ва такомул диҳем. Оид ба *сулҳ* сухан ронда, шояд Павлус аз хатари ташкил ёфтани гурӯҳҳо ва дастаҳо дар атрофи роҳбарон огоҳӣ медиҳад.

**5,14** Ин оят, аз афташ, ба роҳбарони рӯҳонии ҷамоат равона карда шудааст. Дар он оид ба он гуфта шудааст, ки бо бародароне ки хислати душвор доранд, чӣ бояд кард.

1. *Танбалонро насиҳат кунед* – онҳоеро, ки бо ҳама ҳамқадам будан намехоҳанд ва бо рафтори бемасъулияти худ осоишро дар ҷамоат вайрон мекунанд. Ин ҷо *танбалон* гуфта ба кор рағбат надоштан дар назар дошта шудааст. Дар 2Тасолуникиён 3,6-12 низ ҳамин гуна шахсон чун онҳое тасвир шудаанд, ки танбалӣ мекунанд, ҳеҷ кор намекунанд, балки давуғеҷи беҳуда мекунанд.
2. *Беҷуръатонро дилдорӣ намоед* – онҳоеро ки ҳамеша огоҳӣ додан лозим аст, то аз душвориҳои худ баланд шуда, бо қадамҳои мустаҳкам аз пайи Худованд раванд. Окенга оид ба ин оят мегӯяд: «Агар калимаи *беҷуръатон* маънои *аҳмақонро* низ дошта бошад (чунон ки баъзеҳо тарҷума мекунанд), боз ҳам мо онҳоро тасалло медодем! Чунин одамон дар ҷое ки Хушхабар мавъиза карда мешавад, ҷамъ мешаванд». Оё ин барои Хушхабар ва ҷамоат таъриф нест? Ақаллан як макон ҳаст, ки он ҷо ба онҳо аҳамият медиҳанд, дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ мекунанд.

3. *Нотавононро дастгирӣ кунед,* яъне онҳоеро дастгирӣ намоед, ки рӯҳан, ахлоқан ва ҷисман суст мебошанд. Шояд, пеш аз ҳама ин бояд дастгирии рӯҳонӣ ва ахлоқии онҳое бошад, ки дар имон суст мебошанд, агарчи ёрии молиявиро низ аз назар соқит кардан лозим нест.
4. *Бо ҳар кас пурсабр бошед* – дар ҳоле ки дигарон ба асабоният ва хашмгин шудан майл мекунанд, пурсабрии меҳрубонона, ки он атои Рӯҳ аст, зоҳир намоед.

**5,15** Акнун ба ҳамаи масеҳиён муроҷиат карда, Павлус ҳама гуна фикрро оид ба қасос манъ мекунад. Ҳар як одам табиатан ба зарба зарбаи ҷавобӣ медиҳад. Аммо масеҳӣ бояд ба Худованд Масеҳ он қадар наздик бошад, ки амали ҷавобии фавқуттабиӣ кунад. Дигар хел карда гӯем, масеҳӣ табиатан ба имондорони дигар ва ҳамчунин ба наҷотнаёфтагон меҳрубонӣ ва муҳаббат зоҳир мекунад.

**5,16** Масеҳӣ ҳамеша шодӣ ҳис карда метавонад, ҳатто дар шароити тамоман номусоид, чунки сарчашма ва предмети шодии вай Масеҳ аст, ки ҳамаи шароитҳоро идора мекунад. Дар омади гап, *«ҳамеша шод бошед»* – кӯтоҳтарин оят дар Инҷили юнонӣ аст.

**5,17** Дуо бояд ҳолати доимии масеҳӣ бошад; не, вай набояд ҳамаи корҳои ҳарвақта ва уҳдадориҳои худро тарк кунад ва пурра ба дуо дода шавад. Вай дар вақти муайяншуда ва доимо, ҳангоме ки даркор мешавад, дуо мегӯяд, ва аз мушоракати доимӣ бо Худованд дар дуо лаззат мебарад.

**5,18** *Шукр* гуфтан ба *Худо* бояд ҳисси хоси масеҳӣ бошад. Агар оят аз Румиён 8,28 дуруст бошад, мо бояд қобилияти дар ҳамаи ҳолатҳо ва *барои ҳама чиз* ба Худованд шукр гуфтанро дошта бошем, танҳо агар дар ин ҳолат мо гуноҳро сарфи назар накунем.

Ин се одати хуб номи фармоишҳои доим амалкунандаи ҷамоатро гирифтаанд. Барои мо онҳо *хости Худо дар ҳаққи шумо дар Исои Масеҳ* мебошанд. Калимаҳои *«дар Исои Масеҳ»* ба мо онро ёдрас мекунанд, ки Ӯ ба мо ин чизҳоро ҳангоми хизматгузории заминияш таълим дода буд, ва Ӯ таҷассуми зиндаи чизҳои таълимдодааш буд. Бо таълимоти Худ ва бо намунаи Худ Ӯ ба мо хости Худоро оид ба шод будан, дуо кардан ва шукргузор будан ошкор намуд.

**5,19** Чор ояти оянда, аз афташ, ба рафтор дар ҷамъомад дахл доранд.

*Хомӯш* кардани *Рӯҳ* – таъсири онро дар муҳити мо пахш кардан, Ӯро маҳдуд кардан ва ба Ӯ халал расондан аст. Гуноҳ Рӯҳро хомӯш мекунад. Анъанаҳо Рӯҳро хомӯш мекунанд. Қоидаҳо ва мураттабсозиҳои дастисохти одамӣ дар мавриди хизматгузории ҷамъиятӣ Ӯро хомӯш мекунанд. Муросо накардан Ӯро хомӯш мекунад. Касе гуфтааст: «Нигоҳҳои сард, суханҳои таҳқиромез, хомӯшӣ, намоишкорона эътибор надодан – ҳамаи ин ба дараҷаи зиёд Рӯҳро хомӯш мекунад. Танқиди сангдилона ва бадбинона низ ҳамон корро мекунад». Райрӣ мегӯяд, ки ҳар боре ки хизмати Рӯҳро дар як одами алоҳида ва ё дар ҷамоат маҳдуд мекунанд, Ӯро хомӯш мекунанд.

**5,20** Агар ин оятро бо ояти пештара муттаҳид кунем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳар гоҳе мо пайғамбариҳоро *хор мешуморем,* Рӯҳро хомӯш мекунем. Масалан, ҳангоме ки ягон бародари ҷавон дар давоми хизматгузории умумӣ баёни на он қадар мувофиқ мекунад ва мо бо танқиди худ ӯро аз шаҳодаташ оид ба Масеҳ шарм медоронем, мо Рӯҳро хомӯш мекунем.

Ба он маъное ки ин истилоҳ дар Инҷил истифода мешавад, «пайғамбарӣ кардан» гуфтани Каломи Худост. Гуфтаҳои пайғамбарон, ки аз Рӯҳ илҳом ёфтаанд, барои мо дар Навиштаи Муқаддас маҳфуз мондаанд. Ба маънои дигар, пайғамбарӣ кардан – ҳақиқатҳои Худоро, чунон ки дар Навиштаи Муқаддас ошкор карда шудаанд, фаҳмондан аст.

**5,21** Мо бояд ҳама чизи мешунидаамонро баҳо диҳем, ва *чизи хубро нигоҳ* дорем. Меъёре (маҳаке) ки мо бояд ҳама гуна пайғамбариро бо он баҳо диҳем, Каломи Худост. Ҳар ҷое ки Рӯҳ озодии сухан гуфтан ба воситаи бародарони гуногунро ба кор мебарад, суиистифодаҳо низ хоҳанд буд. Аммо хомӯш кардани Рӯҳ на воситаест барои мубориза бар зидди ин гуна суиистифодаҳо.

Чунон ки доктор Деннӣ навишта буд:

*Ҷамъомади умумӣ, озодии пайғамбарӣ кардан, ҷамъомади дуо, ки ҳангоми он ҳар кас метавонад чунон сухан ронад, ки Рӯҳ талқин мекунад, – яке аз эҳтиёҷоти шадиди ҷамоати ҳозира аст.*[15]

**5,22** Фармони *аз ҳар гуна бадӣ худдорӣ* кардан шояд ба одамоне равона карда шудааст, ки вонамуд мекунанд, гӯё бо забонҳо гап мезананд, ё пайғамбариҳои бардурӯғ ё умуман бадиро дар назар дорад.

А. Т. Пиерсон диққати моро ба он ҷалб мекунад, ки дар оятҳои 16-22 ҳафт рӯҳияи гуногуни хислати масеҳӣ оварда шудаанд:

1. Рӯҳияи ситоиш (о. 16). Ҳамаи амалҳои Худоро бениҳоят азим шуморидан.
2. Рӯҳияи дуои доимӣ (о. 17). Дуо ҳеҷ гоҳ ноҷоя ё нолоиқ буда наметавонад.
3. Рӯҳияи миннатдорӣ (о. 18). Ҳатто дар вазъиятҳое ки барои ҷисм на он қадар форам ҳастанд.
4. Рӯҳияи рӯҳонӣ (о. 19). Рӯҳ бояд дар мо озодии пурра дошта бошад, мо бояд онро дар ҳеҷ чиз маҳдуд накунем.
5. Рӯҳияи қабул кардани таълимот (о. 20) бо ҳар воситае ки Худо интихоб намояд.
6. Рӯҳияи бомулоҳизагӣ (о. 21). Бо 1Юҳанно 4,1 муқоиса кунед. Ҳамаро бо Каломи Худо холисона санҷед.
7. Рӯҳияи тақдис (о. 22). Агар ба ниятҳои шумо фикри бад роҳ пайдо кунад, аз он канораҷӯӣ кунед.[16]

## IV. ДУРУДҲОИ ХОТИМАВӢ БА ТАСОЛУНИКИЁН (5,23-28)

**5,23** Акнун Павлус оид ба тақдиси масеҳиён дуо мекунад. Сарчашмаи ин тақдис *Худои осоиш аст*. Соҳа ва дараҷаи тақдис бо суханони *«комилан»* муайян карда шудаанд, ки маънои «ҳар як заррачаи ҳастии шумо»-ро дорад.

Баъзеҳо ин оятро барои исботи «таълимоти муқаддасӣ» мутобиқ гардонда, чунин меҳисобанд, ки имондор дар ин зиндагӣ бегуноҳи комил шуда метавонад. Аммо ин тамоман на он чизест, ки Павлус дар назар дошт, ҳангоме чунин дуо мекард: *«Худи Худои осоиш бигзор шуморо комилан муқаддас гардонад»*. Павлус на дар хусуси комилан аз байн бурдани табиати гуноҳолуд, балки дар хусуси он дуо мекунад, ки тақдис ба ҳар як заррачаи ҳастии имондорон паҳн шавад – ба *рӯҳу ҷону тан*.

---

### ТАҚДИС

Дар Инҷил оид ба чор марҳалаи тақдис гуфта мешавад – тақдиси то бозгашт намудан, аз рӯи мақом, амалӣ (ё такмилёбанда), ва комил.

1. Ҳанӯз пеш аз наҷот ёфтан одам ҷудо карда шуда, дар мақоми сирф зоҳирии имтиёзнок гузошта шудааст. Ҳамин тавр, дар 1Қуринтиён 7,14 мо мехонем, ки шавҳари беимон аз тарафи зани имондори худ тақдис меёбад. Ин тақдис то бозгашт намудан аст.
2. Одаме ки аз олами боло зода шудааст, аз рӯи мақоми худ, ба шарофати якшавӣ бо Масеҳ пок гардонда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки вай аз ҷаҳон барои Худо ҷудо карда шудааст. Оид ба ин дар чунин порчаҳо гуфта шудааст: Аъмол 26,18; 1Қуринтиён 1,2; 6,11; 2Тасолуникиён 2,13; Ибриён 10,10.14.
3. Аз пайи он тақдиси такмилёбанда меояд. Ин аз ҷаҳон, аз гуноҳ ва аз «ман»-и худ барои Худо ҷудо карда шудани одам мебошад. Тақдиси такмилёбанда равандест, ки дар давоми он имондор беш аз пеш ба Масеҳ монандтар мешавад. Павлус маҳз оид ба ҳамин тақдис барои тасолуникиён хоҳиш мекунад. Оид ба ин ҳамчунин дар 1Тасолуникиён 4,3.4 ва 2Тимотиюс 2,21 сухан меравад. Он аз тарафи Рӯҳулқудс дар сурате ба амал оварда мешавад, ки мо ба Каломи Худо итоаткор бошем (Юҳ. 17,17; 2Қур. 3,18). Тақдиси амалӣ равандест, ки бояд ҳамеша то дами дар рӯи замин будани имондор давом кунад. Вай ҳеҷ гоҳ дар рӯи замин ба камолот ва ё ҳолати бегуноҳӣ расида наметавонад, аммо бояд ҳамеша барои ин мақсад ҷидду ҷаҳд намояд.
4. Тақдиси комил ба ҳолати ниҳоии имондор дар осмон дахл дорад. Ҳангоме ки вай барои бо Худованд будан меояд, монанди Худованд пурра мегардад ва ба таври ниҳоӣ аз гуноҳ ҷудо карда мешавад (1Юҳ. 3,1-3).

---

Расул ҳамчунин оид ба нигоҳдории тасолуникиён дуо мекунад. Ин нигоҳдорӣ бояд тамоми одамро дар бар гирад – рӯҳи вай, *ҷонаш* ва *танаш*. Ба тартиби он диққат диҳед. Одамон одатан чунин мегӯянд: ҷисм, ҷон, рӯҳ. Аммо Худо ҳамеша чунин мегӯяд: *рӯҳ, ҷон, ҷисм*. Дар таърихи офариниш рӯҳ аз ҷиҳати аҳамият ҷои аввалинро ишғол мекард, ҷисм

бошад – охиринро. Гуноҳ ин тартибро вайрон кард; одам барои ҷисм зиндагӣ мекунад ва рӯҳро сарфи назар мекунад. Оид ба якдигар дуо карда, мо бояд ба тартиби мувофиқи Навишта пайравӣ намоем ва манфиати рӯҳиро аз эҳтиёҷоти ҷисмонӣ болотар гузорем.

Аз ин ва дигар оятҳо аён аст, ки ҳастии мо аз се қисм иборат аст. *Рӯҳи* мо – он қисмест, ки ба мо имконияти мушоракат бо Худоро медиҳад. *Ҷони* мо бо эҳсосот, хоҳишҳо, ҳиссиёт ва рағбатҳоямон робита дорад (Юҳ. 12,27). *Тани* мо хонаест, ки дар он шахсияти мо сокин аст (2Қур. 5,1). Ҳамаи қисмҳои тани мо бояд бо тамоми пуррагӣ *нигоҳ дошта шаванд,* яъне ҳама якҷоя ва сиҳат. Як тафсиркунанда он чизҳоеро, ки аз онҳо бояд нигоҳдорӣ кард, чунин тавсиф додааст:

1. Рӯҳро аз ҳар он чи:
   а) вайро фосид ва нопок карда метавонад (2Қур. 7,1)
   б) ба Рӯҳулқудс дар шаҳодат додан оид ба муносибатҳои муқаддасон бо Худо халал мерасонад (Рум. 8,16);
   в) барои Худоро сазовори Ӯ парастиш намудан халал мерасонад (Юҳ. 4,23; Фил. 3,3).
2. Ҷонро аз:
   а) андешаҳои бад (Мат. 15,18.19; Эфс. 2,3);
   б) ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди он мубориза мебаранд (1Пет. 2,11);
   в) мубоҳисаҳо ва ҷидолҳо (Ибр. 12,15).
3. Танро аз:
   а) зино (1Тас. 4,3-8) ва
   б) суиистифода (Рум. 6,19).

Баъзеҳо рӯҳ доштани наҷотнаёфтагонро инкор мекунанд. Шояд, дар ин ҳол онҳо онро ба асос мегиранд, ки наҷотнаёфтагон рӯҳан мурдаанд (Эфс. 2,1). Аммо он ҳақиқат, ки наҷотнаёфтагон рӯҳан мурдаанд, маънои онро надорад, ки онҳо рӯҳ надоранд. То андозае ки ин ба мушоракат бо Худо алоқаманд аст, онҳо мурдаанд. Агар ин ба робита бо олами симиё дахл дошта бошад, рӯҳи онҳо метавонад хеле зинда бошад, аммо барои Худо онҳо мурдаанд.

Ленскӣ огоҳӣ медиҳад:

*Бисёриҳо бо ҷисман масеҳӣ будан қаноат мекунанд, баъзе соҳаҳои ҳаёти онҳо ҳанӯз хусусияти ҷаҳонӣ доранд. Насиҳатҳои расулон ба тамоми гӯшаҳои ҳастии мо дахл мекунанд, ва ҳеҷ қисми он аз тақдис барканор буда наметавонад.*[17]

Сипас Павлус оид ба он дуо мекунад, ки тақдис ва нигоҳдории Худо ҳамаи унсурҳои шахсияти тасолуникиёнро чунон фаро гиранд, ки *дар вақти омадани Худованди мо Исои Масеҳ комилан беайб* бошанд. Ин, аз афташ, ишора ба Курсии Доварии Масеҳ аст, ки пас аз бурда шудан ба осмон хоҳад буд. Он вақт ҳаёт, хизматгузорӣ ва шаҳодати ҳар як масеҳӣ санҷида мешавад, ва ӯ мукофот мегирад ё ҷазо мебинад.

**5,24** Чунон ки мо дар 4,3 дидем, тақдиси мо хости Худост. Ӯ моро ба он даъват намудааст, ки дар ниҳояти кор дар ҳузури Ӯ беайб бистем. Худо дар мо ин корро сар кардааст, ва Ӯ онро ба анҷом мерасонад (Фил. 1,6). *Даъваткунандаи* мо ба ваъдаи Худ *боваф о аст.*

**5,25** Номаро ба анҷом расонда, Павлус аз муқаддасон хоҳиш мекунад, ки барои вай дуо кунанд. Вай ҳеҷ гоҳ чунин намеҳисобид, ки ба дуоҳои дигарон муҳтоҷ нест, ва барои мо низ он даркор аст. Дар ҳаққи бародарони имондор *дуо* накардан гуноҳ аст.

**5,26** Сипас Павлус хоҳиш мекунад, ки *ба ҳамаи бародарон бо бусаи муқаддас салом* расонанд. Дар он замон буса шакли маъмулии саломгӯӣ буд. Дар баъзе кишварҳо ҳоло ҳам маъмул аст, ки мардон мардонро буса кунанд, ва занҳо занҳоро. Дар миллатҳои дигар бошад мардҳо занҳоро буса мекунанд ва баръакс. Аммо ин аксаран боиси суиистифода мешуд, ва аз ин чиз даст кашидан лозим омад.

Худованд муқаррар накардааст, ки буса шакли ҳатмии саломгӯӣ бошад, ва расулон низ таълим надодаанд, ки ин ҳатмист. Навиштаи Муқаддас дар ҷамъиятҳое ки буса боиси бадахлоқии ҷинсӣ шуда метавонад, хирадмандона дигар шаклҳои саломгӯиро ҷоиз медонад. Рӯҳи Худо саъй мекунад, ки одамонро аз бадахлоқӣ нигоҳдорӣ кунад ва таъкид менамояд, ки *буса* бояд *муқаддас* бошад.

**5,27** Расул бо тантана мефармояд, ки *ин номаро ба ҳамаи бародарони муқаддас*[18] хонанд. Ин ҷо ду чизро зикр намудан лозим аст:

1. Павлус ба нома нуфуз ва эътибори Каломи Худоро медиҳад. Аҳди Қадим дар куништҳо ба таври расмӣ хонда мешуд. Акнун *ин нома* дар ҷамоатҳо бо овози баланд *хонда* мешавад.

2. Навиштаи Муқаддас на ба ягон гурӯҳи хурд ё синфи имтиёздор, балки ба ҳамаи масеҳиён тааллуқ дорад. Ҳамаи ҳақиқатҳои он барои ҳамаи муқаддасон мебошанд.

Деннӣ хирадмандона таъкид менамояд, ки:

*Ҳеҷ як дастовард дар хирад ё накӯкорӣ нест, ки Инҷил онро барои ягон одам дастнорас карда бошад. Агар ҷамоат доимо аъзоёни худро дар вазъияти шогирдони норасида нигоҳ дошта, истифодаи озодонаи Навиштаи Муқаддасро манъ намояд ва назорат кунад, ки ба ҳамаи бародарон ҳама чизи дар он навишташуда хонда нашавад, ин далели боэътибортарини беимонӣ ва хиёнат дар ҷамоат мебошад.*[19]

Ба он диққат диҳед, ки дар оятҳои 25-27 се калиди ҳаёти бомуваффақияти масеҳиёна дода шудаанд: 1) дуо (о. 25); 2) муҳаббат ба бародарон дар Масеҳ, ки аз мушоракат шаҳодат медиҳад (о. 26); ва 3) хондану омӯхтани Калом (о. 27).

**5,28** Ва ниҳоят, хотимае ки ба Павлус хос аст. Вай номаи якуми худро ба Тасолуникиён аз файз сар кард ва низ бо ҳамин мавзуъ ба анҷом мерасонад. Барои расул Павлус масеҳият аз аввал то охир *файз* аст. *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) James Everett Frame, *A Critical and Exegetical Commentary on the Epistles of St. Paul to the Thessalonians,* (ICC), саҳ. 37.
2. (Муқаддима) George Robert Harding Wood, *St. Paul's First Letter,* саҳ. 13-14.
3. (1,1) Дар матни интиқодии юнонӣ (НА) «аз Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд» партофта шудааст, аммо дар аксари матнҳо ин калимаҳо ҳастанд. Ҳангоми нусхабардорӣ ин ибораро ба осонӣ партофта метавонистанд, чунки он қариб калима ба калима ибораи болоиро такрор мекунад.
4. (1,4) Ниг. Эфсусиён 1, руҷуи «Интихоби Худо».
5. (1,10) Wood, *First Letter,* саҳ. 17.
6. (2,1) James Denney, *The Second Epistle to the Corinthians,* саҳ. 100.
7. (2,1) Elliot, Elisabeth (ношир), *The Journals of Jim Elliot,* саҳ. 218.
8. (2,13) Walter Scott, маълумоти пурратаре нест.
9. (3,13) Marvin Vincent, *Word Studies in the New Testament,* ҷ. 4, саҳ. 34.
10. (4,6) Оскар Вайлд, ки ба хотири бачабозӣ зани зебои худро тарк кард.
11. (4,8) Дар матни интиқодӣ (НА) «ато мекунад» хондан мумкин аст.
12. (5,10) Дар нусхаи асл *бедор* дар 5,10 ва 5,6 калимаи «грегорео» аст (ки аз он исми мардонаи Григорий, бо маънои «мушоҳидакунанда» бармеояд). Калимаи *хобидан* дар 5,6.7 ба ҷои «катеудо» истифода мешавад, ки дар маънои аслӣ метавонад маънои таҳтуллафзии хоб ё ин ки танбалии рӯҳонӣ ва бепарвоиро дошта бошад.
13. (5,12) James Denney, *The Epistles to Thessalonians,* саҳ. 205.
14. (5,13) Муфассалтар оид ба вазифаи пирон ниг. тафсири 1Тимотиюс 3,1-7 ва Титус 1,5-9.
15. (5,21) James Denney, *Thessalonians,* саҳ. 244.
16. (5,22) Arthur T. Pierson, маълумоти пурратаре нест.
17. (5,23) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Paul's Epistles to the Colossians, to the Thessalonians, to Timothy, to Titus, and Philemon,* саҳ. 364.
18. (5,27) Дар матни интиқодӣ «муқаддас» партофта шудааст.
19. (5,27) Denney, *Thessalonians,* саҳ. 263,264.

# Рӯйхати адабиёт

**(Номаи якум ва дуюм ба Тасолуникиён)**

Buckland, A. R.
*St. Paul's First Epistle to the Thessalonians.*
Philadelphia: The Union Press, 1908.

Buckland, A. R.
*St. Paul's Second Epistle to the Thessalonians.*
Philadelphia: The Union Press, 1909.

Denney, James.
*The Epistles to the Thessalonians.*
New York: George H. Doran Company, сол номаълум.

Eadie, John.
*A Commentary on the Greeк Text of the Epistles of Paul to the Thessalonians.*
London: MacMillian, 1877.

Frame, James E.
*A Critical and Exegetical Commentary on the Epistles of Paul to the Thessalonians.*
ICC, New York: Chas. Scribner's Sons, 1912.

Hogg, C. F. and Vine, W. E.
*The Epistles of Paul the Apostle to the Thessalonians.*
London: C. A. Hammond, 1953.

Kelly, William.
*The Epistles of Paul the Apostle to the Thessalonians.*
London: C. A. Hammond, 1953.

Kelly, William.
*Elements of Prophecy.*
London: G. Morrish, 1976.

Morris, Leon.
*The Epistles of Paul to the Thessalonians, TBC.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1957.

Morris, Leon.
*The First and Second Epistles to the Thessalonians.*
NIC, Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1959.

Wood, George Robert Harding.
*St. Paul's First Letter.*
London: Henry E. Walter Ltd., 1952.

# НОМАИ ДУЮМ БА ТАСОЛУНИКИЁН

*Чун дар Номаи аввал, расул кӯшиш намекунад, ки аз суханони аввал ба решакан кардани иштибоҳот ва хатоҳо шуруъ намояд; ба ҷои ин вай дилҳои муқаддасонро тадриҷан тайёр мекунад, то ки онҳо пайрави ҳақиқат бошанд ва ҳама гуна иштибоҳро, ҳамин ки он зоҳир шавад, рад кунанд. Роҳи файз ва хиради илоҳӣ иштибоҳро аз дил берун кардан аст, на ин ки фақат муоина намудани таълимот ва рафтори нодуруст.*

Вилям Келлӣ

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Ҳақиқатҳои дар ин мактуб баёншуда ҳам ба таълимот ва ҳам ба ҳаёти ҳаррӯза дахл доранд. Павлус фаҳмонидан ва ислоҳ кардани тасаввуроти тасолуникиёнро оид ба омадани дуюми Масеҳ ва зоҳир шудани шахси пур аз бадӣ давом медиҳад. Вай оид ба муносибат ба онҳое ки омадани дуюми Масеҳ барояшон баҳона барои қатъ намудани ҳама гуна кор аст, маслиҳати солиме низ медиҳад: ҳеҷ хӯрдание надодан!

### II. МУАЛЛИФӢ

Шаҳодатҳои беруна ба нафъи Номаи дуюм ба Тасолуникиён назар ба якум боз ҳам боварибахштар далолат мекунанд. Дар ибтидои масеҳият ба он Поликарп, Игнатий ва Юстин истинод меоварданд (он дар «Муқаддима»-и Маркион ва дар қонуни Мураторӣ низ зикр мешавад), Ириней бошад Номаи дуюм ба Тасолуникиёнро бо ном зикр мекунад.

Бо сабаби мухтасар будани Нома дар он шаҳодатҳои дохилии фаровон нестанд, чунон ки дар 1Тасолуникиён буд. Аммо он ин мактубро чунон пурра мекунад ва бо он ҳамоҳанг аст, ки аксари илоҳиётшиносон шубҳае надоранд, ки Павлус муаллифи он аст.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Номаи дуюм ба Тасолуникиён дар ҷавоби мушкилоти пайдошуда ва нодуруст фаҳмидани баъзе баёноти мактуби аввал навишта шудааст. Байни навишта шудани ҳар ду нома ҳамагӣ якчанд моҳ, ё якчанд ҳафта гузашта буд. Павлус, Силвонус ва Тимотиюс ҳанӯз якҷоя мебошанд (1,1), ва Қуринтус ягона шаҳрест, ки чуноне мо медонем, онҳо дар он якҷоя буданд (Аъм. 18,1.5). Нома дар аввали солҳои 50-ум навишта шуда буд, шояд соли 50-ум ё 51-ум.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТА ШУДАН ВА МАВЗУЪ

Се сабаби муҳим ҳаст, ки аз боиси он баъди номаи аввал қариб якбора номаи дуюмро навиштан лозим буд. Муқаддасон таъқиб карда мешуданд ва ба дилбардорӣ муҳтоҷ буданд (боби 1). Дар байни онҳо тасаввуроти нодурусте оид ба рӯзи Худованд пайдо шуд, ва онҳо ба маърифат муҳтоҷ буданд (боби 2). Баъзеҳо дар интизории бозгашти Худованд ба бекорӣ дода шуданд, ва онҳоро фош кардан лозим буд (боби 3).

Дар бораи рӯзи Худованд бошад имондорон метарсиданд, ки онҳо аллакай ба он ворид шудаанд. Тарси онҳоро он овозаи бардурӯғе қувват медод, ки гӯё Павлус худаш таълим медода бошад, ки ин рӯз аллакай фаро расидааст. Расул иштибоҳи пайдошударо ислоҳ мекунад.

Дар айни ҳол, рӯзи Худовандро бо рӯзи бозомадани Ӯ, яъне бо рӯзи ба осмон бурда шудани Ҷамоат набояд омехта кард. Муқаддасон на аз он метарсиданд, ки Худованд аллакай омадааст; онҳо метарсиданд, ки дар замони Мусибати Бузург, марҳалаи аввали рӯзи Худованд, зиндагӣ мекунанд.

Павлус ҳеҷ гоҳ таълим намедод, ки пеш аз бурда шудан ба осмон ҳодисаҳои муайян воқеъ мешаванд. Ин ҷо бошад вай таълим медиҳад, ки пеш аз саршавии рӯзи Худованд аз имон баргаштан меояд, нигоҳдоранда гирифта мешавад ва шахси пур аз бадӣ зоҳир мешавад.

Барои дуруст фаҳмидани ин мактуб чизи муҳимтарин дарк намудани фарқи байни ба осмон бурда шудан, рӯзи Худованд ва ҳамчун Подшоҳи подшоҳон бозгаштани Масеҳ аст. Шарҳи маънои рӯзи Худованд дар 1Тасолуникиён 5,2 дода шудааст. Фарқи байни ба осмон бурда шудан ва зоҳиршавӣ дар илова ба 2Тасолуникиён 1,7 дода шудааст.

# Нақша

I. ДУРУД (1,1.2)
II. ПАВЛУС ВА ТАСОЛУНИКИЁН (1,3-12)
  А. Қарзи миннатдории Павлус (1,3-5)
  Б. Доварии одилонаи Худо (1,6-10)
  В. Дуои Павлус оид ба муқаддасон (1,11.12)
III. ДАР БОРАИ РӮЗИ ХУДОВАНД (2,1-12)
  А. Даъват ба устуворӣ (2,1.2)
  Б. Шахси пур аз бадӣ (2,3-12)
IV. ШУКРГУЗОРӢ ВА ДУО (2,13-17)
  А. Павлус изҳори миннатдорӣ мекунад, ки доварии Худо бар муқаддасон нахоҳад буд (2,13.14)
  Б. Дуои Павлус оид ба тасалло ва устувории муқаддасон (2,15-17)
V. НАСИҲАТДОИ АМАЛӢ (3,1-15)
  А. Оид ба дуо дар ҳаққи ҳамдигар (3,1-5)
  Б. Оид ба рафтор бо беитоатон (3,6-15)
VI. БАРАКАТДИҲӢ ВА ДУРУД (3,16-18)

# Тафсир

## I. ДУРУД (1,1-2)

**1,1** Ҳангоме ки Павлус ин мактубро менавишт, ҳамроҳаш дар Қуринтус *Силвонус ва Тимотиюс* буданд. Мактуб ба нишонии *ҷамоати Тасолуникӣ* (ё тасолуникиён) навишта шудааст; ин оид ба вазъияти ҷуғрофӣ ва аз киҳо иборат будани он мегӯяд. *Дар Падари мо Худо* будан ҷамоатро аз ҷамъомадҳои бутпарастон фарқ мекунонд, ва *дар Исои Масеҳи Худованд* будан онро ҳамчун ҷамоати масеҳӣ ҷудо мекард.[1]

**1,2** Расул ба муқаддасон на сарват ва ҳаловатҳо, балки *файз ва осоиш* таманно мекунад. Файз қувват медиҳад, то ҳамаи он чиро, ки ба хости Худо мувофиқ аст, ба ҷо оварем, осоиш бошад осудагиро дар ҳама гуна вазъиятҳо медиҳад. Шахс барои худ ва барои дигарон боз чиро хоста метавонад?

*Файз ва осоиш аз ҷониби Худо, Падари мо, ва Худованд Исои Масеҳ* бармеоянд. *Файз* пеш аз *осоиш аст;* мо бояд *файзи* Худоро пеш аз қабул намудани *осоиши* Ӯ дарк намоем. Павлус мегӯяд, ки сарчашмаи ин баракатҳо – Худо Падар ва Худованд Исои Масеҳ аст, ва бо ҳамин ишора мекунад, ки Падар ва Писар баробаранд.

## II. ПАВЛУС ВА ТАСОЛУНИКИЁН (1,3-12)

### А. Қарзи миннатдории Павлус (1,3-5)

**1,3** Мактуб аз суханони миннатдорӣ барои муқаддасон сар мешавад. Хондани он маънои шунидани задани дили хизматгори ҳақиқии Масеҳро дорад, ки барои фарзандони рӯҳонии дӯстдоштаи худ хурсандӣ мекунад. Шукргузорӣ барои Павлус қарзи доимияш дар назди Худо буд, ва бо назардошти *имон* ва *муҳаббати* масеҳиён ин қарз одилона низ буд. *Имони* онҳо муваффақиятҳои ҳайратангез ба даст меовард; ҳар яки онҳо, бе истисно, ба дигарон *муҳаббати* беш аз пеш зоҳир менамуд. Ин ҷавоб ба дуои расул буд (1Тас. 3,10.12).

Ба пайдарҳамӣ диққат диҳед: аввал *имон,* сипас *муҳаббат.* «Имон моро ба тамос бо сарчашмаи ҷовидони муҳаббат дар худи Худо меоварад, – менависад Ч. Ҳ. Макинтош, – ва, чун натиҷаи ногузири он, дилҳои аз муҳаббат лабрезшудаи мо ба ҳамаи онҳое ки ба Ӯ тааллуқ доранд, майл пайдо мекунанд».

**1,4** Нашъунамои рӯҳонии онҳо ба он оварда расонд, ки Павлус ва ҳамкоронаш дар *ҷамоатҳои* дигари *Худо аз онҳо фахр* мекарданд. Агарчи Тасолуникиён дучори *таъқибот* буданд, онҳо пур аз имон буда, собитқадамона истодагарӣ мекарданд. *Сабр* дар ин ҷо маънои устуворӣ ва ё собитқадамиро дорад.

**1,5** Бо чунин мардонагӣ ба ҳамаи таъқибот ва азобҳо тоб овардани онҳо *гувоҳии муносибати одилонаи Худо* мебошад. Ӯ онҳоро қавӣ гардонда ва рӯҳбаланд намуда, дастгирӣ мекард. Агар онҳо қувваи илоҳии Ӯро намегирифтанд, ҳеҷ гоҳ дар азобҳо барои Масеҳ ин қадар тоқат ва имон зоҳир карда наметавонистанд.

Қобилияти қаҳрамононаи ба азобҳо тоқат кардани онҳо аз он шаҳодат медод, ки онҳо *сазовори Подшоҳии Худо* буданд. Ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳуқуқи ба он дохил шуданро ба шарофати фазилатҳои шахсии худ пайдо намудаанд: даромадан ба он ҷо танҳо ба шарофати фазилатҳои Масеҳ имкон дорад. Аммо ҳамаи онҳое ки дар ин ҷо ба хотири Масеҳ азоб мекашанд, нишон медиҳанд, ки ба қатори онҳое дохиланд, ки ҳамроҳи Ӯ подшоҳӣ хоҳанд кард (Рум. 8,17; 2Тим. 2,12).

Е. В. Роҷерс дар тафсири худ ба ибораи *«то ки шумо сазовори Подшоҳии Худо ҳисоб ёбед»* чунин менависад:

*Ин ба уҳдадории одам далолат мекунад. Аз тарафи иродаи мустақили Худо мо сазовори иштирок дар мероси муқаддасон дар нур ҳастем; аммо ҳамаи талаботҳоро мо фақат ба воситаи ягонагӣ бо Масеҳ дар марг ва растохези Ӯ қонеъ кунонида метавонем. Мо дар Дӯстдошта файз ёфтаем, бе робита бо он ки мо пеш ва баъд аз наҷот ёфтан кӣ ва чӣ ҳастем. Аммо Худо ба мансубони Худ имкон медиҳад, ки аз таъқибот ва азобҳо гузаранд, то дар онҳо он сифатҳои олиро, ки онҳоро «сокинони сазовор»-и ин Подшоҳӣ мегардонанд, инкишоф диҳад.*

*Баъзе расулон аз он хурсанд мешуданд, ки онҳоро сазовор ҳисобидаанд, то ба хотири номи Исо азоб кашанд. Дуои Павлус оид ба он ки Худо тасолуникиёнро сазовори даъваташон донистааст, бо ақида оид ба илова намудани корҳои худ ба қаҳрамонии Масеҳ дар Ҷолҷолто ҳеҷ алоқамандие надорад. Салиб имондорро сазовори мақомаш дар Подшоҳӣ менамояд; сабр ва имон дар давраҳои душвор бошанд аз он шаҳодат медиҳанд, ки вай ахлоқан низ сазовори он аст. Дар байни аъзоёни ҳар кадом ҷамъияти заминӣ онҳое низ ҳастанд, ки обрӯи онро мерезонанд. Павлус дуо мекард, ки дар байни ин муқаддасон ин ҳеҷ ҷой надошта бошад.*[2]

## Б. Доварии одилонаи Худо (1,6-10)

**1,6** *Амали одилонаи Худо* дар он зоҳир мешавад, ки Ӯ таъқибкунандагонро ҷазо медиҳад ва ба таъқибшавандагон осудагӣ медиҳад.

Вилямс менависад:

*Ба таъқиб карда шудани халқи Худ роҳ дода, Худо ду мақсадро пайгирӣ мекунад: аввалан санҷидани он ки оё халқи Ӯ сазовори дар Подшоҳӣ будан ҳаст ё не (о. 5), ва сониян, нишон додани он ки таъқибкунандагони онҳо сазовори ҷазо ҳастанд.*[3]

**1,7** Дуруст аст, ки Худо ба ононе ки ба хотири Ӯ азоб мекашанд, *оромӣ* мебахшад, чунон ки он низ дуруст аст, ки Ӯ барои душманони халқи Худ ҷазо муайян мекунад.

Аз ояти 7 набояд хулоса баровард, ки муқаддасони азобкашанда хотима ёфтани таъқиботро то дами бо оташи фурӯзон аз осмон падид омадани Масеҳ намебинанд. Ҳангоме ки имондор мемирад, вай осудагӣ пайдо мекунад. Имондороне ки дар ин замин зиндагӣ мекунанд, дар вақти ба осмон бурда шудан аз осудагии комил ҳаловат хоҳанд бурд. Дар асл ин оят мегӯяд, ки ҳангоме Худованд ба сари душманони Худ ҷазоро фурӯ мерезад, муқаддасон дар пеши чашмони ҷаҳониён аз осудагӣ ҳаловат хоҳанд бурд.

Вақти қасоси одилонаи Худо ҳамон вақт фаро мерасад, ки *Худованд Исо аз осмон бо фариштагони қудрати Худ* бармегардад. Омадани Исо барои исёнкорон қасос ва барои имондорон *оромӣ* меорад. Ин ҷо дар бораи кадом марҳалаи бозомадаи Ӯ сухан меравад? Бешубҳа, дар бораи марҳалаи сеюм – дар бораи бозомадани Масеҳ, ҳангоме ки Ӯ бо муқаддасонаш ба замин бозмегардад.

## БОЛОШАВИИ ҶАМОАТ ВА ЗОҲИРШАВИИ МАСЕҲ

Касе метавонад пурсад: «Шумо аз куҷо медонед, ки ба осмон бурда шудани Ҷамоат ва зоҳиршавии Масеҳ – ду ҳодисаи гуногун мебошанд?» Ҳамаи гап дар он аст, ки дар Навиштаҳо онҳо аксаран аз ҳам ҷудо карда шудаанд:

| *Болошавӣ* | | *Зоҳиршавӣ* | |
|---|---|---|---|
| 1. | Масеҳ ба *ҳаво* меояд (1Тас. 4,17). | 1. | Ӯ ба *замин* меояд (Зак. 14,4). |
| 2. | Ӯ *барои* муқаддасони Худ меояд (1Тас. 4,16. 17). | 2. | Ӯ *ҳамроҳи* муқаддасони худ меояд (1Тас. 3,13; Яҳ. 14) |
| 3. | Болошавӣ сиррест, ки дар давраи Аҳди Қадим маълум набуд (1Қур. 15,51). | 3. | Зоҳиршавӣ сирр нест; оид ба он дар бисёр пешгӯиҳои Аҳди Қадим гуфта мешавад (Заб. 71; Иш. 11; Зак. 14). |
| 4. | Дар ҳеҷ ҷой гуфта нашудааст, ки пеш аз омадани Масеҳ *барои* муқаддасони Худ аломатҳо дар осмон хоҳанд буд. | 4. | Оиди *ҳамроҳи* муқаддасони Худ омадани Ӯ аломатҳо дар осмон хабар медиҳанд (Мат. 24,29.30). |
| 5. | Болошавӣ бо рӯзи Масеҳ як аст (1Қур. 1,8; 2Қур. 1,14; Фил. 1,6.10). | 5. | Зоҳиршавӣ бо рӯзи Худованд як аст (1Тас. 5,2). |
| 6. | Болошавӣ чун замони баракатҳо тасвир карда мешавад (1Тас. 4,18). | 6. | Ҳангоми баён намудани зоҳиршавӣ ҷазо махсусан таъкид карда мешавад (2Тас. 2,8-12). |
| 7. | Болошавӣ дар як мижа задан ба амал меояд (1Қур. 15,52). Ин чунин маъно дорад, ки ҷаҳон шоҳиди он нахоҳад буд. | 7. | Ҳамаи сокинони замин шоҳидони зоҳиршавӣ хоҳанд буд (Мат. 24,27; Ваҳй 1,7). |
| 8. | Аз афташ, ҳодисаҳо ҳангоми ба осмон бурда шудан асосан ба Ҷамоат дахл хоҳанд дошт (Юҳ. 14,1-4; 1Қур. 15,51-58; 1Тас. 4,13-18). | 8. | Ҳодисаҳо ҳангоми зоҳиршавӣ аксаран ба Исроил дахлдор хоҳанд буд, сипас ба халқҳои ғайрияҳудӣ (Мат. 24,1-25,46). |
| 9. | Масеҳ чун *ситораи дурахшони субҳ* хоҳад омад (Ваҳй 22,16). | 9. | Масеҳ чун Офтоби адолат бо шифо дар нурҳои Худ меояд (Мал. 4,2). |
| 10. | Дар Инҷилҳои синоптикӣ (Мат., Марқ., Луқ.) Болошавӣ зикр намешавад, аммо дар Инҷили Юҳанно якчанд ишора ба он ҳаст. | 10. | Оиди зоҳиршавӣ дар Инҷилҳои синоптикӣ бисёр гуфта мешавад, аммо дар Инҷили Юҳанно он қариб тамоман зикр намешавад. |
| 11. | Онҳое ки ба осмон бурда шудаанд, барои баракат гирифта шудаанд (1Тас. 4,13-18). Боқимондаҳо барои ҷазо нигоҳ дошта шудаанд (1Тас. 5,1-3). | 11. | Гирифташудагон барои ҷазо гирифта шудаанд. Онҳое ки нигоҳ дошта шудаанд, барои баракат нигоҳ дошта шудаанд (Мат. 24,37-41). |
| 12. | Оиди таърихи рӯз ва муҳлатҳои ҳодисаҳое ки пеш аз Болошавӣ воқеъ мешаванд, ҳеҷ ишорае нест. | 12. | Оиди зоҳиршавӣ бо ишораи аниқ ба муҳлатҳо гуфта мешавад, чунончи 1260 рӯз, 42 моҳ, 3,5 сол (ниг. Дон. 7,25; 12,7. 11.12; Ваҳй 11,2; 12,14; 13,5). |
| 13. | Дар оятҳое ки ба осмон бурда шуданро тасвир мекунанд, унвони «Писари Одам» ягон бор зикр намешавад. | 13. | Оид ба зоҳиршавӣ чун дар бораи бозомадани Писари Одам гуфта мешавад (Мат. 16, 28; 24,27.30.39; 26,64; Марқ. 13,26; Луқ. 21,27). |

Ду ҳодисаи гуногун будани инҳо комилан возеҳ аст, аммо мо аз куҷо медонем, ки онҳо тақрибан дар як вақт воқеъ намешаванд? Мо аз куҷо медонем, ки байни онҳо муҳлати муайяни вақт ҳаст? Ба ин се исбот ҳаст.

1. Аввалини онҳо дар пешгӯии Дониёл асос ёфтааст – оид ба ҳафтод ҳафтсола (Дон. 9,25-27). Ҳозир мо дар давраи Ҷамоат зиндагӣ мекунем, ки дар байни ҳафтсолаи 69-ум ва 70-ум ҷойгир шудааст. Ҳафтсолаи ҳафтодум давраи ҳафтсолаи Мусибати Бузург аст. Ҷамоат пеш аз давраи Мусибати Бузург ба хонааш ба осмонҳо гирифта мешавад (Рум. 5,9; 1Тас. 1,10; 5,9; Ваҳй 3,10). Масеҳ ҳамчун Шоҳи шоҳон пас аз анҷоми ҳафтсолаи ҳафтодум меояд (Дон. 9,24; Мат. 24).
2. Исботи дуюми мавҷудияти фосилаи муайян байни ба осмон бурда шудан ва зоҳиршавӣ асоси худро дар таркиби китоби Ваҳй дорад. Дар се боби аввал сухан оид ба Ҷамоат чун оид ба оне меравад, ки дар замин аст. Аз боби 4 то 19,10 давраи Мусибати Бузург тасвир мешавад, ҳангоме ки ғазаби Худо бар ҷаҳоне ки Писари Ӯро рад кард, фурӯ мерезад. Ягон зикре оид ба он нест, ки Ҷамоат дар ин вақт дар замин ҳоҳад буд. Аз афташ, Ҷамоат дар охири боби 3 ба осмон бурда шудааст. Дар Ваҳй 19,10 баъди анҷоми давраи Мусибати Бузург Масеҳ ба замин бозмегардад, то ки душманони Худро тобеъ кунад ва Подшоҳии Худро барпо намояд.
3. Ба фоидаи фосилаи вақт байни бозомадани Масеҳ *барои* муқаддасон ва бозомадани Ӯ *бо* муқаддасон боз як ақидае ҳаст. Дар лаҳзаи ба осмон бурда шудан ҳамаи муқаддасон аз ин ҷаҳон гирифта мешаванд ва баданҳои ҷалолёфта мегиранд. Аммо ҳангоме ки Масеҳ чун Шоҳи шоҳон бозмегардад, дар замин имондорони ҳанӯз баданҳои ҷалолёфта надошта хоҳанд зист, ки дар Подшоҳии Ҳазорсола оилаҳо ташкил медиҳанд ва фарзандонро калон мекунанд (Иш. 11,6.8). Онҳо аз куҷо пайдо мешаванд? Аз афташ, онҳо маҳз дар ҳамон фосилаи вақти байни ба осмон бурда шудан ва зоҳиршавӣ ба масеҳият рӯ меоваранд.

---

Ба ояти 7 баргашта, мо дар бораи он мехонем, ки *Худованд Исо* бо *фариштаҳо,* ки қувваи Ӯ ба воситаи онҳо зоҳир мешавад, дар қувва ва ҷалоли бузург бозмеояд.

**1,8** *Оташи фурӯзон* дар ин ҷо метавонад шекина, абри ҷалолро ифода кунад, ки рамзи ҳузур доштани Худост (Хур. 16,10). Ё ки ин метавонад рамзи он доварии оташин бошад, ки ба ҳамин қарибиҳо фаро мерасад (Заб. 49,3; Иш. 66,15). Аниқтараш ақидаи дуюм дуруст аст.

*Интиқоми* Худо на қасосгирӣ, балки подоши одилона аст. Ӯ кӯшиш намекунад бо касе «ҳисобро баробар кунад», балки ҷазоеро муқаррар мекунад, ки қуддусият ва адолати Ӯ талаб мекунанд. Марги исёнкор ба Ӯ ҳеҷ ҳаловате намебахшад (Ҳиз. 18,32).

Павлус ду гурӯҳи одамонро тасвир мекунад, ки ин интиқом бар онҳо фурӯ мерезад:

1. *Онҳое ки Худоро намешиносанд* – онҳое ки дониш дар бораи Худои ҳақиқиро, ки дар офариниш ва дар инсофи одам ошкор шудааст, рад мекунанд (Рум. 1 ва 2). Пурра имкон дорад, ки онҳо ҳеҷ гоҳ Хушхабарро нашунидаанд.
2. *Ба Инҷили Худованди мо Исои Масеҳ итоат намекунанд* – онҳое ки Хушхабарро шуниданд, аммо онро рад карданд. Хушхабар на танҳо баёни фактҳоест, ки бояд ба он бовар кард, балки низ Шахсиятест, ки ба он итоат кардан лозим аст. Мувофиқи таълимоти Аҳди Нав, имон итоаткориро низ дар бар мегирад.

**1,9** *Онҳо гирифтори ҷазо мегарданд.* Худое ки гуноҳро ҷазо намедиҳад, аллакай Худо нест. Ақида оид ба он ки Худои муҳаббат набояд ҷазо диҳад, он фактро нодида мегирад, ки Худо қуддус низ ҳаст ва бояд он кореро кунад, ки аз нуқтаи назари ахлоқ дуруст аст.

Табиати ин ҷазо дар ин ҷо ҳамчун *ҳалокати абадӣ* тасвия карда шудааст. Калимае ки ин ҷо ҳамчун «абадӣ» («аиониос») тарҷума шудааст, дар Аҳди Нав ҳафтод бор вомехӯрад. Дар

баъзе ҳолатҳо он метавонад маънои «асрҳои муддаташон маҳдуд»-ро дошта бошад (Рум. 14,24; 2Тим. 1,9; Тит. 1,2). Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар он маънои «ҳамешагӣ, беохир»-ро дорад. Дар Румиён 14,25 бо ин калима мавҷудияти беохири Худо тасвир шудааст.

*Ҳалокат* ҳеҷ гоҳ маънои нестшавиро надорад. Он аз даст додани некӯаҳволӣ, касодиро дар соҳае ифода мекунад, ки ба мақсади мавҷудият дахл дорад. Машкҳо барои шароб, ки Худованд Исо дар Луқо 5,37 оид ба онҳо мегӯяд, «талаф шуданд» (ин ҷо калимаи якрешагӣ истифода шудааст). Онҳо мавҷудиятро бас накарданд, балки мавҷудияташон маънои худро гум кард.

Тарафдорони ақидаи баъди Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан барои тасдиқи фикри худ аксаран ҳамин оятро истифода мебаранд. Онҳо дар ин оят баёнотеро мебинанд, ки имондорон то дами чун шоҳи шоҳон бозгаштани Масеҳ, ки ба ақидаи умум, дар охири давраи Мусибати Бузург воқеъ мешавад, осудагӣ пайдо намекунанд, ва таъқибкунандагонашон ҷазо дода намешаванд. Аз ин ҷо онҳо хулоса мебароранд, ки умеди имондорон баъди Мусибати Бузург ба осмон бурда шудани Ҷамоат аст.

Онҳо он фактро сарфи назар мекунанд, ки тасолуникиён, ки ин чиз барои онҳо навишта шуда буд, кайҳо мурдаанд ва аллакай ҳозир аз осудагӣ дар назди Худованд дар осмонҳо ҳаловат мебаранд. Ҳамаи таъқибкунандагони онҳо низ мурдаанд ва аллакай дар дӯзах азоб мекашанд.

Пас, барои чӣ Павлус, чунон ки ба назар менамояд, мегӯяд, ки то дар қувва ва ҷалоли бузург бозгаштани Масеҳ ин ба амал намеояд? Танҳо барои он ки маҳз ҳамон вақт замоне фаро мерасад, ки ҳамаи ин ошкоро ба ҷаҳон зоҳир карда мешавад. Ҳамон вақт ҷаҳон мебинад, ки ҳақ ба ҷониби тасолуникиён буд, таъқибкунандагонашон бошанд иштибоҳ мекарданд. Ҳангоме ки муқаддасон бо Масеҳ дар ҷалол бозмегарданд, ҷаҳон мебинад, ки онҳо аз осудагӣ ҳаловат мебаранд. Ҳалокати душманони Худованд дар охири давраи Мусибати Бузург шаҳодати аёнии маҳкумияти ҳамаи онҳое хоҳад буд, ки дар давоми ҳамаи асрҳо халқи Худоро азоб медоданд.

Ин ба мо ёрӣ медиҳад, то дар ёд дорем, ки чун Шоҳи шоҳон омадани Масеҳ вақти зоҳиршавӣ аст. Он чи дар давоми асрҳо ҳақиқат буд, барои тамоми ҷаҳон ошкор мешавад. Аммо дар хусуси ба осмон бурда шудан инро гуфтан имкон надорад.

*Дурӣ аз ҳузури Худованд ва маҳрумият аз ҷалоли қуввати Ӯ* қисми ҷазои бадкорон хоҳад буд. Бе Ӯ ҳалок шудан тамоми абадият бе Ӯ будан аст.

**1,10** Бозомадани Ӯ вақти ҷалол барои Худованд ва ҳайрат барои шоҳидон аст.

*Ӯ дар муқаддасони Худ ҷалол меёбад,* яъне барои он чи Ӯ дар онҳо ва ба воситаи онҳо кард, Ӯро иззат хоҳанд намуд. Наҷот, тақдис ва ҷалол ёфтани онҳо шаҳодати файз ва қудрати бемонанди Ӯ хоҳад буд.

Масеҳ *ҳамаи имондоронро ба ҳайрат меоварад.* Шоҳидони моту мабҳутшуда аз ҳайрат гунг мешаванд, вақте мебинанд, ки Ӯ бо ин мавҷудоти ношоями инсонӣ чӣ карда тавонист!

Дар байни онҳо масеҳиён аз Тасолуникӣ низ хоҳанд буд, чунки онҳо *шаҳодати* расулонро қабул карда, ба он *бовар карданд.* Онҳо дар ҷалол ва тантанаи *он рӯз,* рӯзи зоҳиршавии Исои Масеҳ, иштирок хоҳанд дошт.

Ба гуфтаҳои боло такя намуда, мо метавонем оятҳои 5-10-ро чунин баён кунем: «Сабри шумо дар айни шиддати таъқибот аҳамияти бузург дорад. Ҳамаи инро Худо барои ба даст овардани мақсадҳои одилонаи Худ истифода мекунад. Истодагарӣ ва сабри шумо дар рӯзҳои таъқибот аз он шаҳодат медиҳанд, ки шумо ба қатори онҳое дохилед, ки дар ҷалоли ҳамчун Шоҳи шоҳон омадани Масеҳ шарик мешаванд. Аз як тараф, Худо навъи ҷазоро ба онҳое ки шуморо азоб медиҳанд, муқаррар мекунад. Аз тарафи дигар, Ӯ ҳам ба шумо – ба таъқибшавандагон, ҳам ба мо – ба Павлус, Силвонус ва Тимотиюс, осудагӣ медиҳад. Ҳангоме ки Ӯ аз осмон бо фариштагони пуриқтидор дар алангаи оташ меояд, душманони шуморо доварӣ хоҳад кард, ва онҳоеро ки бо ихтиёри худ Худоро намешиносанд, ва онҳоеро ки бо ихтиёри худ ба Хушхабар итоат намекунанд, ҷазо хоҳад дод. Онҳо ба ҳалокати ҷовидон маҳкум карда мешаванд, аз ҳузури Худованд ва аз ҷалоли қудрати Ӯ маҳрум мешаванд, ҳангоме ки Ӯ бозмегардад, то ки дар ҳамаи имондорон, ва дар шумо низ, ҷалол ёбад, охир шумо ба Хушхабаре ки мо мавъиза мекардем, бовар кардед».

### В. Дуои Павлус дар ҳаққи муқаддасон (1,11-12)

**1,11** Дар оятҳои гузашта расул даъвати пуршарафи имондоронро тасвир мекард. Онҳо ба он даъват шуда буданд, ки аз таъқибот гузаранд, ки дар навбати худ онҳоро барои ҳукмронӣ дар Подшоҳи тайёр мекунанд. Акнун бошад вай дуо мекунад, ки дар айни ҳол ҳаёти онҳо ба ин *даъвати олӣ сазовор* дониста шавад ва *қуввати* бузурги Худо ба онҳо имкон диҳад, ки ба ҳама водоркуниҳои некӯкорӣ итоаткор бошанд, ва ҳар кори дар *имон* сар кардаашонро ба анҷом расонанд.

**1,12** Натиҷа дутарафа хоҳад буд. Пеш аз ҳама *номи Худованди мо Исо дар* онҳо *ҷалол меёбад*. Ин маънои онро дорад, ки онҳо ба ҷаҳон симои ҳақиқии Ӯро зоҳир намуда, бо ҳамин ба Ӯ ҷалол меоранд. Аммо онҳо низ *дар Ӯ* ҷалол хоҳанд ёфт. Бо Ӯ, бо Сарварашон, пайваст будан ба онҳо ҳамчун аъзоёни бадани ӯ шараф ва ҷалол хоҳад овард.

Дар охири боби 1 огоҳ карда мешавад, ки онҳо ҷавоброба ин дуо фақат *мувофиқи файзи Худои мо ва Худованд Исои Масеҳ* хоҳанд гирифт. Бо ҳамин Павлус шарҳи аҷоиби маъно ва натиҷаҳои азобҳоро дар ҳаёти имондор ба анҷом мерасонад. Тасаввур кунед, ки тасолуникиён ин сатрҳои тасаллодиҳандаро хонда, чӣ қадар рӯҳбаланд шуданд!

## III. ДАР БОРАИ РӮЗИ ХУДОВАНД (2,1-12)

### А. Даъват ба устуворӣ (2,1-2)

**2,1** Вазифаи дигаре ки дар назди Павлус меистод, – ислоҳ намудани тасаввуроти барғалати муқаддасон *дар хусуси омадани Худованди мо Исои Масеҳ ва* рӯзи Худованд аст. Таъқиботи муқаддасон чунон сахт буданд, ки бароящон душвор набуд, то тасаввур намоянд, ки гӯё марҳалаи аввали рӯзи Худованд, давраи Мусибати Бузург, фаро расида бошад. Овозае низ паҳн мешуд, ки гӯё худи расул таълим медода бошад, ки рӯзи Худованд аллакай фаро расидааст. Павлус мебоист ин иштибоҳотро ҳал мекард.

Дар ояти 1 мо бо мушкилии муҳиме рӯ ба рӯ мешавем, ки дар маркази он пешоянди *дар хусуси* (юн. «ҳипер») меистад, ки Павлус истифода бурдааст. Оё расул муқаддасонро «дар хусуси» *омадани Худованди мо* илтиҷо мекунад ва ё «бо» *омадани Худованди мо?* Агар варианти аввал дуруст бошад, пас тасаввуроте ҳосил мешавад, ки ин оят оид ба якшавии ба осмон бурда шудан ва рӯзи Худованд таълим медиҳад, чунки оятҳои баъдина ба рӯзи Худованд бахшида шудаанд. Агар расул варианти дуюмро дар назар дошта бошад, пас ӯ ба хонандагон дар асоси ба осмон рафтан, ки аввал воқеъ мешавад, муроҷиат карда, илтиҷо менамуд, то фикр накунанд, ки дар рӯзи Худованд зиндагӣ мекунанд. Ин масъалаи баҳснок аст. Мо бо Вилям Келлӣ, ки ақидаашро ба фоидаи варианти дуюм баён мекунад, ҳамфикр ҳастем:

*Осудагии бозомадани Худованд ҳамчун сабаб ва восита барои ором кардани воҳима аз боиси тасаввуроти бардурӯғ, ки гӯё рӯз[и Худованд] аллакай фаро расидааст, гирифта шудааст.*[4]

Суханони Павлусро мо чунин мефаҳмем: «Дар асоси ба осмон бурда шудан шуморо даъват мекунам, то натарсед, ки гӯё дар рӯзи Худованд зиндагӣ мекунед. Пеш аз он ба осмон бурда шудан воқеъ хоҳад шуд. Ҳамаи Ҷамоатро, ва шуморо низ, Худо ба хона, ба осмон мегирад, ва ҳамин тариқ, шумо аз даҳшатҳои рӯзи Худованд барканор хоҳед буд».

Тасаввуроте ҳосил мешавад, ки ибораи «*омадани Худованди мо Исои Масеҳ ва пайвастани мо бо Ӯ*» мутааллиқи ба осмон бурда шудан аст. Маҳз ҳамон вақт мо ҷамъ мешавем, то бо Ӯ дар осмон вохӯрем.

**2,2** Ба мо бояд равшан бошад, ки ба осмон бурда шудан ва рӯзи Худованд як нестанд. Тасолуникиён на аз он метарсиданд, ки Худованд аллакай омадааст; онҳо медонистанд, ки ин ҳанӯз рӯй надодааст. Онҳо аз он метарсиданд, ки рӯзи Худованд сар шудааст. Бар имондорон чунон таъқиботи сахт фурӯ рехтанд, ки онҳо фикр карданд, гӯё аллакай дар давраи Мусибати Бузург, марҳалаи аввали рӯзи Худованд, зиндагӣ мекунанд.

Овозаҳое паҳн мешуданд, ки гӯё худи Павлус гуфта бошад, ки рӯзи Худованд аллакай фаро расидааст. Ба монанди бисёр овозаҳо, онҳо ба ҳам ихтилофи зиёд доштанд. Яке аз нақлҳо баён мекард, ки Павлус ин хабарро *аз пайғамбарии рӯҳ* қабул кардааст, яъне ба воситаи ваҳйи махсус. Дигарон мегуфтанд, ки

ин хабар ба воситаи *калом* омадааст, яъне гӯё расул дар назди омма таълим медод, ки Мусибати Бузург аллакай фаро расидааст. Дар зикри *номае ки гӯё мо фиристода бошем,* одатан ишораеро ба мактуби қалбакие мебинанд, ки ба Павлус нисбат медоданд ва дар он гӯё оид ба фаро расидани рӯзи Худованд гуфта шудааст. Ба ҳеҷ кадоми ин сарчашмаҳо бовар кардан лозим набуд.

Аз матни тарҷумаи тоҷикӣ бармеояд, ки муқаддасон аз фаро расидани *рӯзи Масеҳ* метарсиданд. «Рӯзи Масеҳ» ва ифодаҳои ба ин монанд одатан маънои ба осмон бурда шудан ва доварӣ дар пеши Курсии Доварии Масеҳро доранд (1Қур. 1,8; 5,5; 2Қур. 1,14; Фил. 1,6.10; 2,15. 16).

Аммо тасолуникиён на аз рӯзи меомадаи Масеҳ метарсиданд. Охир, фаро расидани он барои онҳо маънои халосӣ аз ҳамаи азобҳоро медошт. Аксари тарафдорони он ки Болошавӣ пеш аз Мусибати Бузург рӯй медиҳад, тарҷумаи зеринро афзал медонанд: «... ки рӯзи *Худованд* фаро расидааст».[5] Хонандагони Павлус метарсиданд, ки рӯзи ғазаби Худо сар шудааст.

## Б. Шахси пур аз бадӣ (2,3-12)

**2,3** Акнун расул мефаҳмонад, ки барои чӣ набояд чунин ҳисобид, ки гӯё онҳо дар он рӯз умр ба сар мебаранд. Аввал бояд ҳодисаҳои муайян воқеъ шаванд.

Он гоҳ, пеш аз ҳама, *аз имон гаштан* меояд.[6] Ин чӣ маъно дорад? Танҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ин маънои аз масеҳият пурра даст кашидан, дидаву дониста инкор кардани имони масеҳиро дорад.

Сипас ба саҳнаи таърих роҳбари дар миқёси оламӣ бузург мебарояд. Аз ҷиҳати хислат вай *марди гуноҳ* хоҳад буд, яъне худи таҷассуми гуноҳ ва беитоатӣ. Тақдири вай он аст, ки вай *писари ҳалокат* буда, ба ҷазои ҷовидонӣ маҳкум шудааст.

Дар Навиштаҳо бисёр шахсони муҳиме ки дар давраи Мусибати Бузург фаъолият мекунанд, тасвир шудаанд, ва фаҳмидан душвор аст, ки кай номҳои гуногун ба ҳамон як шахс тааллуқ доранд. Баъзе илоҳиётшиносон чунин ақида доранд, ки шахси пур аз бадӣ зиддимасеҳи яҳудӣ хоҳад буд. Дигарон ақида доранд, ки вай ғайрияҳудӣ, роҳбари империяи зиндашудаи Рум хоҳад буд. Инак номҳои баъзе ҳокимони охири замон:

- Марди гуноҳ ва писари ҳалокат (2Тас. 2,3);
- зиддимасеҳ (1Юҳ. 2,18);
- шохи майда (Дон. 7,8.24-26).
- подшоҳи бешарм ва дасисакор (Дон. 7,23-25);
- раиси оянда (Дон. 9,26);
- подшоҳе ки мувофиқи хости худ амал хоҳад кард (Дон. 11,36).
- чӯпони нобакор (Зак. 11,17);
- ҳайвони ваҳшие аз баҳр (Ваҳй 13,1-10);
- ҳайвони ваҳшӣ аз замин (Ваҳй 13,11-17);
- ҳайвони ваҳшии арғувонӣ, ки ҳафт калла ва даҳ шох дорад (Ваҳй 17,4.8-14);
- подшоҳи шимол (Дон. 11,6);
- подшоҳи ҷануб (Дон. 11,40);
- пайғамбари дурӯғин (Ваҳй 19,20; 20,10);
- Ҷуҷ аз сарзамини Моҷуҷ (Ҳиз. 38,2–39,11) [бо Ҷуҷ аз Ваҳй 20,8 омехта накунед, ки баъди Подшоҳии Ҳазорсола бармехезад];
- дигаре ки бо исми худаш меояд (Юҳ. 5,43).

Дар тули ин солҳо *марди гуноҳ* ба бисёр касон ва чизҳо нисбат дода мешуд: ба ҷамоати католикии Рум, Папаи Рум, империяи Рум, шакли ниҳоии масеҳияти муртад, Яҳудои аз нав таҷассумшуда, Нерони аз нав таҷассумшуда, давлати яҳудиён, Лютер, Наполеон, Муссолинӣ, Ҳитлер ва таҷассуми шайтон.

**2,4** Вай ба ҳамаи шаклҳои ибодати Худо бо шиддат мухолифат хоҳад кард ва дар *маъбади Худо* дар Уршалим бар тахт хоҳад нишаст. Ин тасвир ӯро баръало ба зиддимасеҳ, ки ба Масеҳ зиддият мекунад ва худсарона ҷои ба Масеҳ тааллуқдоштаро ишғол кардааст, айният медиҳад.[7]

Аз Дониёл 9,27 ва Матто 24,15 аён аст, ки ин рафтори куфромезро зиддимасеҳ дар миёнаи давраи Мусибати Бузург хоҳад кард. Онҳое ки ба вай саҷда карданро рад мекунанд, ба таъқибот дучор мешаванд, ва бисёриҳоро марги риёзаткашона интизор аст.

**2,5** Ҳангоме ки Павлус ҳанӯз *назди* тасолуникиён *буд,* борҳо *инро* гуфта буд. Аммо бо вуҷуди ин, ҳангоме ба онҳо таълимоте расиданд, ки ба таълимоти расул мухолиф буданд, аммо он таъқиботи сахтеро, ки масеҳиён дучори он буданд, гӯё хеле аниқ тасвир мекарданд, онҳо ҳамаи гуфтаҳои Павлусро фаромӯш

карданд. Мо ҳама чунин фаромӯшхотирӣ дорем ва муҳтоҷи он ҳастем, ки ҳақиқатҳои бузурги имонро доимо ба мо ёдрас намоянд.

**2,6** Онҳо медонистанд, ки чӣ ба пурра ва рӯйрост зоҳир шудани марди гуноҳ роҳ намедиҳад ва чӣ то лаҳзаи муайян ба вай *монеъ мешавад*.

Ин моро ба саволи сеюми ин боб меорад, ки ба он ҷавоб нест. Саволи аввал: «Муртадӣ чист?» Дуюм: «Ин марди гуноҳ кист?» Сеюм: «Монеъшаванда чӣ ё кист?»

Дар қисми аввали ояти 6 оид ба монеъшаванда чун оид ба предмети ғайризинда гуфта мешавад: *«чист, ки ба вай монеъ мешавад»*. Аммо дар ояти 7 он ба шахсият табдил меёбад: *«Он ки*[8] *монеъ мешавад»*. Е. В. Роҷерс инро хеле равшан баён мекунад:

*Чизе ё Касе бо мақсад ва дидаву дониста ба зоҳиршавии марди гуноҳ монеъ мешавад, то ки вай дар вақти барояш муқарраршуда пайдо шавад.*[9]

Ҳафт ақидаи бештар паҳншуда баён мекунанд, ки ин: 1) империяи Рум аст; 2) давлати Исроил аст; 3) иблис аст; 4) принсипи ҳифзи қонун ва тартиб ҳамчун асоси ҳокимияти заминӣ аст; 5) Худо аст; 6) Рӯҳулқудс ва 7) Ҷамоати ҳақиқӣ, ки дар он Рӯҳулқудс сокин аст.

Мо чунин ақида дорем, ки Рӯҳулқудсе ки дар Ҷамоат ва дар ҳар як имондори алоҳида сокин аст, ба тасвири монеъшаванда аз дигарон дида бештар ва пурратар мувофиқат мекунад. Чунон ки дар ин боб оид ба монеъшаванда чун оид ба чизе ё касе гуфта мешавад, дар бораи Рӯҳулқудс низ дар Инҷили Юҳанно 14,26; 15,26 ва 16,8.13.14 чун оид ба мавҷуди ҷинси миёна (Рӯҳулқудс) ва мардона (Ӯ) гуфта мешавад.[10] Аллакай дар Ҳастӣ 6,3 Рӯҳулқудс дар робита бо монеъшавӣ ба бадӣ зикр мешавад. Ва дертар мо борҳо Ӯро дар ин нақш вомехӯрем (Иш. 59,19; Юҳ. 16,7-11 ва 1Юҳ. 4,4).

Маҳз ба шарофати дар онҳо сокин буданиРӯҳулқудс имондорон намаки замин (Мат. 5,13) ва нури ҷаҳон (Мат. 5,14) мешаванд. Намак аз вайроншавӣ нигоҳ медорад ва низ ба паҳншавии пӯсидан монеъ мешавад. Нур торикиро, ки одамон ба иҷро расонидани корҳои бади худро дар он дӯст медоранд, пароканда мекунад (Юҳ. 3,19). Ҳангоме ки Рӯҳулқудс ҳамчун Оне ки доимо дар Ҷамоат (1Қур. 3,16) ва дар ҳар як имондор (1Қур. 6,19) сокин аст, аз ҷаҳон меравад, монеъшавандаи бадӣ низ меравад.

**2,7** Аллакай дар он вақте ки Павлус ин сатрҳоро менавишт, *сирри бадӣ амал* мекард. Мо инро ҳамчун шаҳодати он мефаҳмем, ки рӯҳи даҳшатноки ба Худо итоат накардан аллакай дар қаър ғалаён мекард. Он дар шакли *сирр* дар амал буд на ба он маъное ки хеле махфиёна буд, балки ҳанӯз пурра зоҳир нашудааст. Он ҳанӯз дар шакли ҷанинӣ буд.

Чӣ чиз ба пурра зоҳир шудани ин рӯҳ монеъ мешавад? Мо чунин меҳисобем, ки ҳузури Рӯҳулқудс ҳамчун Оне ки дар Ҷамоат ва дар ҳар як имондор сокин аст, ҳамин қувваи монеъшаванда аст. Ӯ то дами *аз миён бардошта* шудан (то вақти ба осмон бурда шудан) адои ин вазифаро идома медиҳад.

Аммо ин ҷо саволе ба миён меояд: Оё Рӯҳулқудсро аз ҷаҳон гирифтан мумкин аст? Оё Ӯ ҳамчун яке аз Шахсиятҳои илоҳӣ дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур надорад? Пас, чӣ гуна Ӯ ин ҷаҳонро тарк карда метавонад?

Албатта Рӯҳулқудс дар ҳама ҷо ҳузур дорад. Ӯ ҳамеша дар ҳамон як вақт дар ҳама ҷо ҳозир аст. Аммо бо вуҷуди ин Ӯ ба маънои комилан муайян дар рӯзи Пантикост ба замин омад. Исо якчанд бор ваъдаеро такрор карда буд, ки Ӯ ва Падар Рӯҳулқудсро мефиристанд (Юҳ. 14,16.26; 15,26; 16,7). Рӯҳулқудс он вақт ба кадом сифат омад? Ӯ ҳамчун Оне ки доимо дар Ҷамоат ва дар ҳар як имондор сокин аст, омад. То рӯзи Пантикост Рӯҳулқудс ҳамроҳи имондорон буд, пас аз он дар онҳо сокин буд (Юҳ. 14,17). То рӯзи Пантикост ҳолатҳое буданд, ки Рӯҳулқудс аз имондорон дур мешуд – дуои Довуд аз ҳамин сабаб аст: «Рӯҳулқудси Худро аз ман нагир» (Заб. 50,13). Пас аз рӯзи Пантикост Рӯҳ доимӣ бо имондорони давраи Ҷамоат мемонад (Юҳ. 14,16).

Ба фикри мо, Рӯҳулқудс ҷаҳонро ба ҳамон маъное тарк мекунад, ки замоне дар рӯзи Пантикост ба он маъно омад – яъне ҳамчун Оне ки доимо дар Ҷамоат ва дар ҳар як имондор сокин аст. Ӯ ҳанӯз дар ҷаҳон хоҳад буд, ва одамонро дар гуноҳашон фош намуда, онҳоро ба имони наҷотдиҳанда ба Масеҳ ҳидоят хоҳад кард. Ҳангоми ба осмон бурда шудан аз ин ҷаҳон гирифта шудани Ӯ маънои онро надорад, ки дар давраи Мусибати Бузург ҳеҷ кас наҷот ба даст намеорад. Албатта одамон наҷот хоҳанд ёфт. Аммо ин одамон на аъзоёни

Ҷамоат, балки тобеони Подшоҳии Пурҷалоли Масеҳ хоҳанд буд.

**2,8** Пас аз он ки Ҷамоат ба осмон бурда мешавад, ба ҷаҳон *бадкор ошкор мегардад*.

Расул дар ин оят вақти муваффақияти зиддимасеҳро партофта, якбора ба тақдири ниҳоии вай мегузарад. Тасаввуроте ҳосил мешавад, ки гӯё вай баробари зоҳиршавиаш якбора маҳв карда мешавад. Аммо ин, албатта, чунин нест. Ба вай имкон дода мешавад, ки подшоҳии мудҳиши худро, ки дар оятҳои 9-12 тасвир шудааст, барпо намояд, то даме ки ҳангоми ҳамчун Шоҳи шоҳон бозомадани Масеҳ аз тахт ғалтонда шавад.

Агар ақидаи мо дуруст бошад, ки марди гуноҳ баъди ба осмон бурда шудани муқаддасон пайдо шуда, то дами зоҳиршавии Масеҳ ҳукмронӣ мекунад, пас, фаъолияти ваҳшиёнаи вай тақрибан ҳафт сол давом мекунад – муддати давраи Мусибати Бузург.

*Худованд Исо вайро бо нафаси даҳонаш мекушад* (ниг. Иш. 11,4; Ваҳй 19,15), *бо зуҳури омадани Худ* ба хок яксон мекунад. Каломи Масеҳ ва дурахшидани равшании («эпифания») зоҳиршавии («парусия») Ӯ – ҳама он чизест, ки барои ба анҷом расонидани ҳукмронии пурваҳшонияти ин номниҳод лозим аст.

Зоҳиршавии бозомадани Масеҳ, чунон ки фаҳмонда шуда буд, ба замин бозгаштани Ӯст, то ки тахтро ишғол намуда, ҳазор сол ҳукмронӣ намояд.

**2,9** *Омадани ин бадкор* дар мувофиқат бо *амали шайтон* воқеъ мешавад. Дар мансаб пеш рафтани вай пешрафти шайтонро ба хотир меорад, чунки маҳз мири торикӣ ӯро роҳбарӣ мекунад. Ӯ ҳар гуна *аломатҳо ва муъҷизаҳои дурӯғин* нишон медиҳад.

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки на ҳамаи муъҷизаҳо аз Худо мебошанд. Иблис ва дастёронаш низ ба ин тавон доранд. Шахси пур аз бадӣ низ онҳоро ба амал хоҳад овард (Ваҳй 13,13-15).

Дар паси ҳар як муъҷиза қувваи фавқуттабиӣ меистад, аммо шарт нест, ки он аз Худо бошад. Муъҷизаҳое ки Худованди мо ба амал меовард, Масеҳ будани Ӯро исбот мекарданд, аммо на барои он ки фавқуттабиӣ буданд, балки аз он сабаб, ки онҳо пайғамбариро иҷро карданд ва чунин дараҷаи ахлоқие доштанд, ки шайтон ба кори худ зарари калон нарасонда, онҳоро ба амал оварда наметавонист.

**2,10** Зиддимасеҳ бе ҳеҷ гуна азоби виҷдон ҳама гуна бадахлоқиро истифода мебарад, то ки одамони ҳалокшудаистодаро фиреб диҳад – онҳоеро, ки Хушхабарро дар замони файз шуниданд, аммо *муҳаббати ростиро қабул накарданд*. Агар онҳо бовар мекарданд, *наҷот* меёфтанд. Акнун бошад онҳо бо муъҷизаҳои зиддимасеҳ фирефта шуданд.

**2,11** Амалан *Худо ба онҳо нерӯи гумроҳкунандаро мефиристад, то ки ба дурӯғ бовар кунанд*. Бешубҳа, ин *дурӯғ* изҳороти зиддимасеҳ оид ба он аст, ки Ӯ Худост. Ин одамон Худованд Исоро ҳамчун Худои дар ҷисм зоҳиршуда қабул кардан нахостанд. Ҳангоми дар рӯи замин буданаш Ӯ одамонро огоҳӣ медод: «Ман ба номи Падари Худ омадаам, ва Маро қабул намекунед, ва агар дигаре ба номи худаш биёяд, вайро қабул мекунед» (Юҳ. 5,43). Ва инак онҳо шахси пур аз бадиро қабул мекунанд, ки ба номи худаш омада, талаб мекунад, то ба вай чун ба Худо саҷда намоянд. «Касе ки нурро рад мекунад, аз нур маҳрум мешавад». Агар одам ба бут имкон диҳад, ки тахти дилашро ишғол намояд, пас, Худованд ба вай ба таври мувофиқ ҷавоб медиҳад (Ҳиз. 14,4).

Зиддимасеҳ, аз афташ, яҳудӣ хоҳад буд (Ҳиз. 28,9.10; Дон. 11,37.38). Ҳеҷ касе ки худро Масеҳ вонамуд мекунад, агар ба сибти Яҳудо, ба авлодони Довуд тааллуқ доштанашро изҳор накунад, яҳудиёнро ба иштибоҳ андохта наметавонад.

**2,12** Ҳангоми хондани ин оят тасаввуроте пайдо мешавад, ки гӯё онҳое ки дар замони файз Хушхабарро шунида, ба Масеҳ имон наоварданд, баъди ба осмон бурда шудани муқаддасон дигар имкони наҷот ёфтан нахоҳанд дошт. Агар одамон имрӯз ба Худованд имон надошта бошанд, пагоҳ ба зиддимасеҳ бовар мекунанд. Ин ҷо гуфта мешавад, ки *ҳамаи* онҳо аз боиси беимонӣ ва дӯст доштани бадӣ маҳкум карда мешаванд. Ин чиз суханонро аз Луқо 14,24 ба ёди мо меоварад: «Зеро ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ кас аз шахсони даъватшуда хӯроки маро нахоҳад чашид».

Мо медонем, ки бисёр одамон дар давраи Мусибати Бузург наҷот пайдо хоҳанд кард. Ҳамин тавр, масалан, 144 ҳазор яҳудиён наҷот хоҳанд ёфт; онҳо дар тамоми ҷаҳон Хушхабари Подшоҳиро мавъиза хоҳанд кард. Ба воситаи хизматгузории онҳо бисёр одамони дигар низ наҷот хоҳанд ёфт. Аммо таассуроте ҳосил

мешавад, ки ин наҷотёфтагон одамоне мебошанд, ки мавъизаи возеҳи Хушхабарро дар давраи Ҷамоат нашунидаанд ва Наҷоткорро дидаву дониста рад накардаанд.

## IV. ШУКРГУЗОРӢ ВА ДУО (2,13-17)

### А. Павлус изҳори миннатдорӣ мекунад, ки доварии Худо бар муқаддасон нахоҳад буд (2,13-14)

**2,13** Дар дувоздаҳ ояти аввал Павлус тақдири барои зиддимасеҳ ва пайравони вай омодашударо тасвир мекард. Акнун бошад вай ба масеҳиёни Тасолуникӣ муроҷиат мекунад ва барои тазод дар хусуси даъват ва тақдири онҳо гап мезанад. Дар аввал вай ба Худо барои ин *бародарони дӯстдоштаи Худованд* ташаккур мегӯяд, сипас мухтасар таърихи наҷот ёфтани онҳоро баён мекунад – гузашта, ҳозира ва ояндаи онҳо.

*Худо шуморо интихоб кардааст.* Навиштаи Муқаддас равшан таълим медиҳанд, ки Худо одамонро барои наҷот интихоб мекунад, аммо дар ҳеҷ ҷой таълим намедиҳад, ки баъзеҳоро барои лаънати ҷовидонӣ интихоб мекунад. Худи одамон дидаву дониста ҳалокатро интихоб мекунанд. Агар дахолати Худо намебуд, ҳама ҳалок мешуданд. Оё Худо ҳақ дорад, ки баъзеҳоро барои наҷот интихоб намояд? Аслан Ӯ мехоҳад, ки ҳама наҷот ёбанд (1Тим. 2,4; 2Пет. 3,9). Аммо назарияи универсалистҳо оид ба он ки гӯё ҳамаи одамон дар ниҳояти кор наҷот меёфта бошанд, бо таълимоти Навиштаи Муқаддас ҳеҷ умумияте надорад.

*Аз ибтидо.* Ин суханонро ду хел маънидод кардан мумкин аст. Аввалан, чун ишора ба он ки Худо ҳанӯз пеш аз офариниши олам интихоби Худро кард (Эфс. 1,4). Сониян, он метавонад маънои «навбарҳо»-ро дошта бошад; ин ишора ба он мебуд, ки тасолуникиёне ки дар худи аввали имони масеҳӣ наҷот ёфтаанд, аз тарафи Худо баргузида шудаанд, то дар байни самарҳои аввалини дарави бузурги ҷонҳои наҷотёфта ҷой гиранд.

*Барои наҷот.* Ин ҷо муқоиса бо оятҳои пешгузашта лозим аст. Мухолифони Худоро беимонияшон ба марги ҷовидонӣ равона мекунад, имондорон бошанд *барои наҷот* интихоб шудаанд.

*Ба воситаи муқаддас гардидан аз Рӯҳ.* Ин тасвири амали Рӯҳулқудс то тавба аст. Ӯ одамро аз ҷаҳон барои Худо ҷудо мекунад, ӯро дар гуноҳҳояш фош мекунад ва роҳро ба сӯи Масеҳ нишон медиҳад. Касе хуб гуфтааст: «Агар Масеҳ намебуд, базм намебуд; агар Рӯҳулқудс намебуд, меҳмонон намебуданд».

*Ва имон овардан ба ростӣ.* Дар аввал сухан дар бораи нақше меравад, ки Худо дар наҷот мебозад, акнун дар бораи нақши одам. Ҳар дуи онҳо даркоранд. Баъзеҳо танҳо интихоби Худоро мебинанд ва ба хулосае меоянд, ки ба худи одам чизе вобаста нест. Дигарон бошанд пурра ба масъулияти одам такя карда, интихоби соҳибихтиёронаи Худоро сарфи назар мекунанд. Аммо ҳақиқат ҳар ду ҷиҳатро муттаҳид месозад. Навиштаи Муқаддас ҳам оид ба интихоб, ва ҳам оид ба масъулияти одам таълим медиҳанд, ва чизе беҳтар аз он нест, то ба ҳар дуи ин доктрина (таълимот) бовар кунем ва ҳар дуро таълим диҳем, ҳатто агар фаҳмида натавонем, ки чӣ гуна яке ва дигаре дар як вақт ҳақиқат буда метавонанд.

**2,14** *Шуморо ба он ба воситаи Инҷили мо даъват намудааст.* Худо моро барои наҷот дар ҷовидонӣ интихоб намуд. Ӯ моро ба он аллакай дар вақт *даъват намуд.* Даъвати Ӯ ба он лаҳзае дахл дорад, ки одам ба ҳақиқат бовар карданро сар мекунад. Аз они *мо* номида шудани *Инҷил* маънои онро надорад, ки боз инҷилҳои ҳақиқии дигар низ ҳастанд. Танҳо як Инҷил ҳаст, аммо воизон ва шунавандагони гуногуни он бисёранд. Павлус Инҷили Худоро, ки худаш мавъиза мекард, дар назар дорад.

*То ҷалоли Худованди мо Исои Масеҳро ба даст оваред.* Ин ҷо Павлус ба оянда назар меандозад ва натиҷаи ниҳоии наҷотро мебинад – ҷовидона бо Масеҳ будан ва ба Ӯ монанд будан. Ҷ. Н. Дарбӣ ин ҳақиқатро дар суруди дилпазири худ баён намудааст:

*Наход, оҳ, наход ман ба Писари Ту монанд мешавам?*
*Наход Ӯ барои ман ин марҳаматро ба даст овард?*
*Аз ақл берун! Падари ҷалол, Ту маро дар ҷалол ба сурати Худи Ӯ табдил менамоӣ!*

Ҳамин тариқ, оятҳои 13 ва 14 системаи «илоҳиётшиносӣ дар шакли хурд», баёни мухтасари мақсадҳои азими Худо барои халқи Худ аст. Онҳо ба мо нишон медиҳанд, ки наҷот

«дар интихоби Худо ибтидо меёбад, ба воситаи қудрати Худо ба амал меояд, ба воситаи мавъизаи хабари Илоҳӣ қувват пайдо мекунад ва дар ҷалоли Илоҳӣ пуррагии худро ба даст меорад».

### Б. Дуои Павлус оид ба тасалло ва устувории муқаддасон (2,15-17)

**2,15** Даъвати аз ҳама чиз афзалтари онҳоро ба инобат гирифта, Павлус муқаддасонро огоҳ мекунад, ки *истодагарӣ* кунанд *ва ривоятҳоеро, ки ё аз сухан, ё аз номаи* расулон *омӯхтаанд, нигоҳ* доранд. Ин ҷо таъкид намудан зарур аст, ки танҳо он ривоятҳо, ё он анъанаҳое ки расулон бо илҳоми илоҳӣ гуфтаанд, ҳақиқӣ ва дорои эътиборанд. Исо китобдонон ва фарисиёнро барои он маҳкум мекард, ки онҳо бо анъанаҳои худ фармудаҳои Худоро ба нестӣ мерасонданд (Мат. 15,6). *Ривоятҳое* ки мо бояд нигоҳ дорем, он ҳақиқатҳои бузурге мебошанд, ки ба мо дар Навиштаи Муқаддас баён карда шудаанд.

Баъзан ин оятро барои сафед кардани мавҷудияти анъанаҳое ки ҷамоат ё ходимони дин барпо намудаанд, истифода мебаранд. Аммо ҳама гуна анъанае ки ба Каломи Худо мухолиф аст, бефоида ва хатарнок мебошад. Агар ривоятҳои сирф одамиро бо Навиштаи Муқаддас дар як сатҳ гузорем, пас кӣ бояд аниқ кунад, ки кадом ривоятҳо дурустанд ва кадомашон нодуруст?

**2,16** Расул дар мактуби худ ба муқаддасон баён намудани хабари худро ба охир расонда, оид ба онҳо дуо мекунад. Бисёр вақт вай пас аз насиҳат дуо мекунад (1Тас. 5,23.24; 2Тас. 3,16). Дуо ба *Худи Худованди мо Исои Масеҳ ва Худо, Падари Мо* нигаронида шудааст. Мо ба он одат кардаем, ки Павлус ҳар ду Шахсияти илоҳиро дар як нафас зикр мекунад, аммо ин ҷо он чиз ғайриодист, ки номи Писар аввал зикр карда шудааст. Расул, албатта, ягонагӣ ва баробарии пурраи онҳоро таъкид мекунад. Дар забони юнонӣ пас аз ду мубтадо (Масеҳ ва Худо) чор хабар меоянд, ки дар шумораи танҳо мебошанд *(дӯст доштааст, ато намудааст, тасаллӣ диҳад, устувор гардонад).* Агар ин боз як ишора ба ягонагии табиати Писар ва Падар дар илоҳият набошад, пас чист?

Он фактеро, ки Худо ба мо пештар ҳама чизи даркориро медод, Павлус ҳамчун асосе барои боварӣ ба он меҳисобад, ки Ӯ ба мо дар оянда низ мардонагӣ ва қувва хоҳад дод. Ӯ *моро дӯст доштааст ва тасаллии абадӣ ва умеди некро бо файз ато намудааст.* Ин, бешубҳа, ба зуҳуроти бузургтарини муҳаббати Худо ишора мекунад – Ӯ барои мо Писари Худро дод. Мо медонем, ки дар Ҷолҷолто Ӯ масъалаи гуноҳро ҳал кард, ва бинобар ин мо *тасаллии абадӣ ва умед* баояндаи пурҷалол дорем – ва ҳамаи ин ба шарофати *файзи* ҳайратовари Ӯ.

**2,17** Худи дуо дар бораи он аст, ки Худо ба дилҳои онҳо *тасалло диҳад* ва онҳоро *дар ҳар сухан ва кори нек устувор гардонад.* На фақат оид ба дилбардорӣ, дар давраи душвориҳо, балки низ оид ба қувва барои ба пеш, ба қалби муҳориба рафтан. Дар луғати расул калимаи «ақибнишинӣ» набуд, дар мо ҳам набояд бошад.

Ифодаи *ҳар сухан ва кори некро* низ наметавон бе аҳамият гузошт. Ҳақиқат на танҳо бояд дар даҳонҳои мо, балки дар корҳои мо низ бошад. Дар ҳаёти мо пас аз таълим бояд амалҳо бошанд, пас аз доктрина – вазифадорӣ, пас аз мавъиза – дар амал татбиқ шудани он.

## V. НАСИҲАТҲОИ АМАЛӢ (3,1-15)

### А. Оид ба дуо дар ҳаққи ҳамдигар (3,1-5)

**3,1** Павлус медонист, ки ба дуоҳои муқаддасон муҳтоҷ аст. Ин боб аз он сар мешавад, ки вай аз онҳо хоҳиш менамояд, то: 1) оид ба паҳншавии Калом; 2) оид ба ғалабаи Калом; 3) оид ба ҳимояи расонандагони Калом дуо кунанд.

Ӯ мехоҳад, *ки Каломи Худованд паҳн шавад,* ва тасвири онро медиҳад, ки Калом, бо вуҷуди мухолифатҳо, аз як шаҳр ба шаҳри дигар мешитобад (ниг. Заб. 147,4).

Расул ҳамчунин мехоҳад, ки Калом дар ҳама ҷой ҳамон гуна дигаргуниҳои амиқи рӯҳонӣ ва ахлоқиеро оварад, ки дар Тасолуникӣ ба амал овардааст.

**3,2** Сеюм вай хоҳиш мекунад, то дар хусуси он дуо кунанд, ки вай ва ҳамкоронаш *аз одамони гумроҳ ва бад халос* шаванд. Аниқтараш, вай ягон мухолифати мушаххасеро дар назар дорад, шояд мухолифат аз тарафи

яҳудиён дар Қуринтус (Аъм. 18,1-18). Павлус онҳоро беҳуда одамони *гумроҳ* наномидааст: чӣ чиз метавонад беақлонатар аз мухолифат ба Хушхабар ва фиристодагони он бошад? Ин тафсирнопазир аст. Онҳо оид ба сиёсат, илм оқилона муҳокимаронӣ карда метавонанд, дар бораи ҳазорон мавзуъҳои дигар сухан ронда метавонанд, аммо ҳамин ки кор ба Хушхабар оид шавад, фикрронҳои оқилонаи онҳо беасар ғоиб мешавад.

**3,3** Зебоии тазоди байни ояти 2: «на ҳар кас имон дорад» ва ояти 3: *«лекин Худованд бовафо* аст»-ро наметавон бе аҳамият гузошт. Ин ба мо таълим медиҳад, ки назари худро аз одамони паймоншикан ба Худои лоиқи ҳама гуна боварӣ нигаронем. Ӯ *бовафо* буда, то охир моро устувор хоҳад намуд (1Қур. 1,9). Ӯ *бовафо* буда, моро аз озмоиш берун меорад (1Қур. 10,13). Ӯ *бовафо* ва одил буда, гуноҳҳои моро мебахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок менамояд (1Юҳ. 1,9). Дар ин ҷо низ Ӯ *бовафо* буда, моро *устувор* мегардонад ва *аз шарир,* яъне аз иблис, *нигоҳ медорад.*

**3,4** На ҳар кас имон дорад ... Худованд *бовафо* аст. *Мо ба шумо дар Худованд эътимод дорем.* Чунон ки Денни изҳор намудааст, «дар Худованд шумо метавонед ба онҳое эътимод намоед, ки худ аз худ суст, ноустувор, худраъй ва гӯл ҳастанд». Акнун Павлус ба муқаддасон ёдрас мекунад, ки онҳо вазифадоранд он чи *вай мефармояд, ба ҷо оваранд.* Ин ҷо боз чизи Илоҳӣ ва инсонӣ ба таври муъҷизанок ба ҳам мепечанд: Худо шуморо нигоҳ медорад, шумо бошед фармонҳоро риоя кунед. Ҳамин фикрро мо дар 1Петрус 1,5 вомехӯрем: «Бо қуввати Худо [қисми Ӯ] ба воситаи имон [қисми мо] нигоҳ дошта мешавед». Мо дар ин хусус дар Филиппиён 2,12.13 низ мехонем: «Бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред ... [қисми мо] Худо дар шумо ... ба вуҷуд меоварад [қисми Ӯ]».

**3,5** Дар замони таъқибот, ҳангоме ки гӯё таъқиботи бераҳмона охир надоранд, ба осонӣ ба дигарон кина варзидан, таслим шудан, ҳама чизро тарк кардан имкон дорад. Маҳз барои ҳамин ҳам Павлус дуо мекунад, ки тасолуникиён муҳаббате чун муҳаббати *Худо,* ва сабре чун сабри *Масеҳ* дошта бошанд. Сабре чун сабри Масеҳ доштан – ба монанди Ӯ азобҳоро устуворона паси сар намудан аст.

*Худованд* гуфта дар ин ҷо Рӯҳулқудс дар назар дошта шуданаш мумкин аст, ва ин маънои онро медошт, ки ин ҷо, чун дар оятҳои 2,13.14, ҳар се Шахсияти Ваҳдати Сегона зикр шудаанд.

## Б. Оид ба рафтор бо беитоатон (3,6-15)

**3,6** Таассуроте ҳосил мешавад, ки баъзе муқаддасон дар Тасолуникӣ кореро, ки барояшон воситаи рӯзгузаронӣ буд, тарк карданд, чунки бозгашти Худовандро бо шиддат интизор буданд. Павлус ин гуна муносибатро тамоман аз ҷиҳати рӯҳонӣ олӣ намеҳисобад ва насиҳатҳои мушаххас медиҳад, ки бо ин гуна бародарон чӣ кардан лозим аст.

Ин насиҳатҳоро вай ба шакли амр даровардааст: *аз ҳар бародаре ки бекорагардӣ мекунад,* яъне ҳамқадами дигарон будан намехоҳад ва кор кардан нахоста, аз ҳисоби дигарон рӯз мегузаронад (ниг. о. 10.11), *дур шавед.* Имондорон бояд ба ин гуна бародар норозигӣ изҳор намуда, ҳар гуна робитаҳои иҷтимоиро бо вай қатъ намоянд. Аммо ин рафтори ношоями вай на ба он дараҷа ҷиддист, ки боиси аз ҷамоат дур кардан гардад.

Дар *ривояте* ки тасолуникиён аз Павлус *қабул кардаанд,* сухан дар бораи зарурати аз таҳти дил ва монда нашуда кор кардан ва бо меҳнати худ рӯз гузаронидан мерафт.

**3,7** Расул истеҳсоли хаймаҳоро танҳо барои он тарк накард, ки дар бораи бозгашти Худованд Исо медонист. Вай ҳақиқатан ҳар лаҳза бозгаштани Масеҳро интизор буд, аммо хизмат ва кор карданро давом медод, ва дарк менамуд, ки Худованд баъди зиндагии вай низ омада метавонад.

**3,8** Ҳеҷ кас Павлусро айбдор карда наметавонист, ки дар хонаи бегона ҷой гирифта, аз ҳисоби меҳнати дигарон рӯз мегузаронад. Вай на танҳо Хушхабарро мавъиза мекард, балки ҳамчунин барои рӯзгузаронӣ меҳнат мекард. Ба Павлус лозим меомад, ки шабу рӯз меҳнат кунад, аммо вай қатъиян қарор дод, ки *ба касе аз* онҳо *гаронӣ* накунад.

**3,9** Расул, ҳамчун воизи Хушхабар, ба ёрмандии молиявии онҳое ки ба воситаи хизмати вай наҷот ба даст овардаанд, ҳуқуқ дошт (1Қур. 9,6-14; 1Тим. 5,18). Аммо вай аз ин ҳуқуқ даст кашиданро афзал шумурд, то намунаи мустақилияти наҷибона ва меҳнатдӯстии пурсаброна бошад.

**3,10** Тасолуникиён аллакай фармони ба бекорагардон ёрдам накарданро гирифтанд. Агар касе кор кардан тавонад, аммо нахоҳад, пас, бояд *хӯрок низ нахӯрад*. Оё ин мухолифи он ҳақиқате нест, ки имондорон бояд ҳамеша меҳрубон бошанд? Ҳаргиз не! Таҳсин намудани танбалӣ бо меҳрубонӣ ҳеҷ муносибате надорад. Сперҷен гуфта буд: «Муҳаббати ҳақиқӣ на ёру бародар шудан ба гумроҳон дар гумроҳии онҳо, балки дар ҳама чиз садоқат ба Исоро нигоҳ доштан аст».

**3,11** Ин ҷо Павлус суханбозии дилписандро ба кор мебарад[11], то бемаъноии рӯҳонияти бардурӯғи ин бародарони *бекорагардро* таъкид намояд. Суханони вай дар нусхаи тоҷикӣ чунин тарҷума шудаанд: *Зеро шунидем, ки баъзе касон дар миёни шумо бекорагардӣ мекунанд, яъне ҳеҷ коре накарда, давуғеҷи барзиёд мекунанд.*

**3,12** Ҳамаи *чунин шахсонро* расул *ба номи Худованди мо Исои Масеҳ* огоҳ мекунад, ва *насиҳат* медиҳад, ки бе ҳангома кор кунанд ва бо меҳнати худ *нон хӯранд*. Танҳо ҳамин чиз шаҳодати нек хоҳад буд, ки ба Худо ҷалол меоварад.

**3,13** Онҳоеро, ки содиқона меҳнат мекунанд, расул рағбатнок мекунад, ки дар ҳамин рӯҳия давом диҳанд. Охири мусобиқа муҳим аст, на аввали он, бинобар ин рӯҳафтода ва монда нашуда накӯкориро давом додан даркор аст.

**3,14** Аммо бо касе ки ба гуфтаҳои расул пайравӣ кардан намехоҳад, чӣ кардан лозим аст? Масеҳиёни дигар бояд бо вай ҳама гуна робитаҳои иҷтимоиро канда, ақлашро ба ҷояш оваранд. Мақсади ин ҷазо – барои рафтори ношоям шарм доронидан ва ба ислоҳ шудан маҷбур намудан аст.

**3,15** Аммо ин ҷазо ба андозаи аз ҷамоат рондан сахт нест. Дар ин ҷо шахси хатокардаро ҳанӯз *бародар* меҳисобанд. Шахси аз ҷамоат рондашуда бошад бо бутпарастон ва боҷгирон дар як зина қарор мегирад (Мат. 18,17).

Мақсад аз ҷазо додани имондор ҳамеша барқарор намудани муносибатҳои вай бо Худованд ва бо халқи Худо мебошад. Он бояд на бо хашмгинӣ ё душманӣ, балки бо меҳрубонӣ ва устувории масеҳиёна ба амал оварда шавад. Бо шахси хатокарда на чун бо *душман*, балки чун бо *бародар* муносибат кардан лозим аст.

Имрӯзҳо ба мо метавонад аҷиб намояд, ки масеҳиёни Тасолуникӣ бозгашти Худовандро чунон бо иштиёқ интизор буданд, ки корҳои ҳаррӯзаро тарк карданд. Не, имрӯзҳо ба ҷамоат ин хатар таҳдид намекунад! Мо ба ифроти тамоман мухолифи ин даст задаем. Мо ба андозае машғули корҳо ва пулкоркунӣ шудаем, ки тару тозагӣ ва ҳаяҷони умеди бозомадани наздики Ӯро гум кардаем.

## VI. БАРАКАТ ДОДАН ВА ДУРУД (3,16-18)

**3,16** Ин оятро касе «анҷоми осоиштаи номаи пурталотум» номидааст. Павлус дар он дуо мекунад, ки муқаддасони азобкашандаи Тасолуникӣ аз *осоиши Худованди осоиш ҳамеша* ва *дар ҳама чиз* огоҳ шаванд.

Осудагии шахси масеҳӣ ба ҳеҷ гуна шароитҳои ин ҷаҳон вобаста нест. Дар асоси он фақат Шахсият ва меҳнати Худованд Исо мебошад. Ҷаҳон онро на дода ва на гирифта метавонад. Аммо дар ҳама гуна шароити зиндагӣ мо бояд худамон ба он даст дароз кунем. «Осоиш на қатъ шудани таъқибот, балки оромии дил аст, ки аз имон ба Худо бармеояд ва он ба шароит вобаста нест».

**3,17-18** Дар ин ҷой Павлус, аз афташ, қаламро аз дасти котиби худ гирифта, дуруди хотимавӣ навиштааст. Ин дуруд, аз рӯи суханони вай, *аломате дар ҳар нома аст,* ки вай навиштааст. Баъзеҳо инро чунин фаҳмиданд, ки якчанд калимае ки дар охири ҳар як нома бо ҳусни хати Павлус навишта шудааст, далели ҳаққонияти он буданд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки *аломат* – баракатдиҳии маъмулии Павлус аст: *файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод* (Рум. 16,24; 1Қур. 16,23; 2Қур. 13,14; Ғал. 6,18; Эфс. 6,24; Фил. 4,23; Кул. 4,18; 1Тас. 5,28; 1Тим. 6,21; 2Тим. 4,22; Тит. 3,15; Филем. 25 ва, агар Нома ба Ибриёнро Павлус навишта бошад, Ибр. 13,25). Аз ин мо мебинем, ки ҳамаи номаҳои вай бо оҳанги *файз* ба анҷом мерасанд.

---

## БОЛОШАВИИ ҶАМОАТ

Ҳақиқат оид ба бозгаштани Худованд дар ҳар боби 1Тасолуникиён ва дар ду боби аввали

Номаи дуюм ба Тасолуникиён зикр мешавад. Ин мавзуъ риштаи тиллоест дар матои нақл, ки ҳар ду номаро муттаҳид месозад.

Аммо мо набояд фаромӯш кунем, ки пешгӯӣ на барои он дода мешавад, ки диққати моро ҷалб намояд ва ё ҳисси кунҷковии моро бедор кунад. Мақсади он – дигаргун сохтани ҳаёти мост.

Барои имондорон умеди ба наздикӣ бозгаштани Масеҳ ҷиҳати амалии бениҳоят муҳим дорад.

1. Ин ҳақиқат бояд ба ҳаёти мо таъсири поккунанда дошта бошад (1Тас. 5,23; 1Юҳ. 3,3).
2. Он бояд моро водор намояд, ки дуо кунем ва барои наҷоти ҳалокшавандагон меҳнат намоем (Ҳас. 19,14; Ҳиз. 33,6; Яҳ. 21-23).
3. Он бояд ба мо барои устуворона паси сар намудани офатҳо ва таъқибот ёрӣ диҳад (Рум. 8,18; 2Қур. 4,17; 1Тас. 4,13-18).
4. Он бояд моро водор намояд, ки андозаи моликияти моддии худро маҳдуд намоем; арзиши онҳо бо наздикшавии бозгашти Ӯ кам шудан мегирад (ниг. Иб. 25,8-10.14-16).
5. Он бояд моро маҷбур кунад, ки аз ҳар каси ранҷонидаамон бахшиш пурсем, ва дар ҷое ки даркор аст, товони зарари расонидаамонро диҳем (Мат. 5,24; Яъқ. 5,16).
6. Он бояд моро ба хизмати боғайратона илҳом бахшад, ва ёдрас намояд, ки шаб меояд, ки он гоҳ ҳеҷ кас наметавонад коре кунад (Юҳ. 9,4; 1Тас. 1,9.10).
7. Он бояд ба мо ёрӣ диҳад, то доимо дар интизории бетоқатона (Луқ. 12,36) ва дар мушоракати наздик бо Ӯ бошем, то ки ҳангоми омадани Ӯ шарм надорем (1Юҳ. 2,28).
8. Он бояд ба мо мардонагии эътирофи Масеҳро ато намояд (Марқ. 8,28; Луқ. 9,26).
9. Он бояд умеди тасаллодиҳанда бошад (Юҳ. 14,1-3.28; 1Тас. 4,18; 2Тас. 1,7; 2Тим. 2,12).
10. Он бояд моро ба худдорӣ, ҳалимӣ ва боандешагӣ рағбатнок кунад (Фил. 4,5)
11. Он бояд василае барои ягонагӣ ва муҳаббат шавад (1Тас. 3,12.13).
12. Он бояд ба мо барои ҷустани он чи дар афроз аст, қувват бахшад (Кул. 3,1-4).
13. Он бояд ёдрас намояд, ки моро лозим меояд ҳисобот диҳем ва мукофоти муайяне бигирем (Рум. 14,10-12; 1Қур. 3,11-15; 2Қур. 5,10).
14. Он бояд ҳангоми мавъизаи Инҷил ҳамчун ҳақиқате истифода шавад, ки ба ақл ва дил муроҷиат мекунад (Аъм. 3,19-21; Ваҳй 3,3).

Ҳақиқат оид ба бозгаштани Масеҳ онҳоеро, ки ҳанӯз имон наовардаанд, бояд ба пушаймонӣ аз гуноҳҳои худ ва ба қароре оварад, ки ҳаёти худро пурра ба Ӯ ҳамчун ба Худованд ва Наҷотдиҳанда боварӣ карда супоранд. Танҳо онҳое ки дар Масеҳ ҳастанд, ҳангоми ба осмон бурда шудан ба назди Ӯ мераванд. Ҳамаи боқимондагон дар замин барои доварӣ ва ҷазо мемонанд. Агар ин ҳамин рӯз воқеъ шавад чӣ? Бозомадани Масеҳ ҳам дар Номаҳо ба Тасолуникиён, ҳам дар ҳаёти шахси масеҳӣ нақши муҳиме дорад, бинобар ин мо хулосаи зеринро пешниҳод карданием:

### Далелҳо ба фоидаи назарияи Болошавӣ то давраи Мусибати Бузург

1. Далели аввал бар таълимот оид ба наздик будани ба осмон бурда шудан асос ёфтааст. Ҷойҳои зиёде дар Навиштаҳо ҳастанд, ки аз рӯи онҳо масеҳиён бояд умед дошта бошанд, ки Худованд пас аз якчанд дақиқа меояд. Мо вақти омадани Ӯро надониста, бояд интизор бошем ва умед кунем. Агар аз Мусибати Бузург гузаштани Ҷамоат лозим мебуд, мо ҳар як лаҳза омадани Ӯро интизор шуда наметавонистем. Охир, Ӯ камаш ҳафт сол дер мемонд, чунки мо ҳанӯз ба давраи Мусибати Бузург дохил нашудаем, ва ҳангоме ки он фаро мерасад, ҳафт сол давом мекунад. Бинобар ин таълимот оид ба пеш аз Мусибати Бузург ба осмон бурда шудани Ҷамоат – ягона таълимотест, ки шумо бо боварӣ ба он ки Масеҳ ҳар лаҳза омада метавонад, қабул карда метавонед. Инак баъзе оятҳое ки мувофиқи онҳо мо бояд дар интизории доимии бозомадани Ӯ бошем, зеро намедонем, ки ин кай воқеъ мешавад:

«Ва на фақат он, балки худи мо низ, ки соҳиби навбари Рӯҳ ҳастем, дар даруни

худ менолем ва *мунтазири* писархондагӣ ва раҳоии бадани худ мебошем» (Рум. 8,23). «Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед, марги Худовандро эълон мекунед, *то даме ки Ӯ биёяд»* (1Қур. 11,26). Бо ин дар назар дошта мешуд, ки Худованд ҳангоми зиндагии қуринтиён, ки ин суханон ба онҳо равона карда шудааст, низ омада метавонист.

«Аз ин рӯ мо оҳ мекашем, *дар орзуи он* ки хонаи худро, ки дар осмон аст, дар бар кунем» (2Қур. 5,2). Бадани худро муқаддасон ҳангоми ба осмон бурда шудан дар бар мекунанд.

«Зеро мо дар Рӯҳ аз имон *мунтазири* умеди росткорӣ ҳастем» (Ғал. 5,5). (Умеди росткорӣ – бозомадани Худованд ва бадани ҷалолёфта аст, ки мо он гоҳ мегирем.) «Лекин ватани мо дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, *интизор ҳастем,* ки Ӯ бадани ночизи моро ба монандии бадани пурҷалоли Ӯ бо амали ҳамон қуввате дигаргун хоҳад кард, ки бо он Ӯ ҳама чизро ба Худ тобеъ намуда метавонад» (Фил. 3,20.21). «Бигзор нармдилии шумо ба ҳамаи одамон маълум гардад; *Худованд наздик аст»* (Фил. 4,5).

«Зеро худи онҳо дар бораи мо ҳикоят мекунанд, ки чӣ гуна мо ба миёни шумо дохил шудем, ва чӣ гуна шумо аз бутҳо гашта, ба Худо рӯ овардед, то ки Худои зинда ва ҳақиқиро бандагӣ кунед ва Писари Ӯро аз осмон *мунтазир шавед,* ки Худо Ӯро аз мурдагон бархезонд, яъне Исоро, ки моро аз ғазаби оянда халосӣ медиҳад» (1Тас. 1,9.10).

«Ва *мунтазири* умеди муборак ва зоҳиршавии ҷалоли Худои бузург ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем» (Тит. 2,13). «Ончунон Масеҳ як бор Худро барои бардоштани гуноҳҳои бисёр касон қурбонӣ намуда, бори дуюм на барои бартараф кардани гуноҳ зоҳир мешавад, балки барои наҷоти онҳое ки Ӯро *интизор* доранд» (Ибр. 9,28). «Зеро ки *баъд аз андаке* он Оянда хоҳад омад ва даранг нахоҳад кард» (Ибр. 10,37).

*«Пас, эй бародарон, то вақти омадани Худованд пурсабр бошед.* Инак, зироаткор самараи гаронбаҳои заминро интизор мешавад ва барои он бисёр сабр мекунад, то даме ки борони аввалин ва охирин биборад. *Шумо низ сабр кунед, дилҳои худро қавӣ гардонед, чунки омадани Худованд наздик аст.* Эй бародарон, аз якдигар шиква накунед, то ки маҳкум нагардед: *инак, Довар назди дар истодааст»* (Яъқ. 5,7-9). *«Аммо фарҷоми ҳама чиз наздик аст.* Пас бомулоҳиза ва барои дуо ҳушёр бошед» (1Пет. 4,7).

«Ва ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед дорад, худро пок менамояд, чунон ки Ӯ пок аст» (1Юҳ. 3,3).

«Худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред, ва *марҳамати Худованди мо Исои Масеҳро, ки ҳаёти абадӣ меоварад, мунтазир бошед»* (Яҳ. 21). Ин ҷо марҳамати Исои Масеҳи Худованди мо – бозгаштани Ӯ барои халқи бо нархи хуни Худ харидаи Ӯст, то ки онро ба хона ба осмон барад. «Инак, *ба зудӣ меоям;* он чи дорӣ, маҳкам нигоҳ дор, то ки касе тоҷи туро нагирад» (Ваҳй 3,11). «Инак, *ба зудӣ меоям.* Хушо касе ки суханони пайғамбарии ин китобро риоят мекунад» (Ваҳй 22,7). «Инак, *ба зудӣ меоям,* ва подоши Ман бо Ман аст, то ки ҳар касро мувофиқи амалаш сазо диҳам» (Ваҳй 22,12). «Шаҳодатдиҳандаи ин мегӯяд: Оре, *ба зудӣ меоям!* Омин. Оре, биё, эй Худованд Исо!» (Ваҳй 22,20). Боз оятҳои дигар низ ҳастанд, ки бо мавзуи ба осмон бурда шудан муносибати бевосита надоранд, аммо бо вуҷуди ин, ба тасаввуроти умумӣ оид ба он ки бозомадани Масеҳ наздик аст, ҳиссаи худро мегузоранд. Дар ҳама асрҳои мавҷудияти худ Ҷамоати имондор вақти бозомадани Масеҳро номаълум меҳисобид ва бинобар ин бовар мекард, ки ин дар ҳар лаҳза воқеъ шуда метавонад. *«Пас, бедор бошед, зеро намедонед, ки Худованди шумо дар кадом соат меояд.* Ҳаминро донед, ки агар соҳиби хона медонист, ки дар кадом поси шаб дузд меояд, бедор монда, намегузошт, ки девори хонаашро сӯрох кунад. Бинобар ин шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате ки гумон надоред, Писари Одам меояд» (Мат. 24,42-44). *«Аммо он рӯз ва соатро, ғайр аз Падар, ҳеҷ кас намедонад,*

ҳатто фариштагони осмон ва Писар намедонанд. Пас, огоҳ ва бедор бошед ва дуо гӯед; зеро намедонед, ки он вақт кай фаро мерасад. Ин монанди касест, ки ба сафар рафта ва хонаи худро тарк карда, ба хизматгорони худ ихтиёр дод ва барои ҳар яке кори хосе супурд ва дарбонро фармуд, ки бедор бошад. Пас, бедор бошед; зеро намедонед, ки соҳиби хона кай меояд, дар бегоҳ, ё ними шаб, ё ҳангоми бонги хурӯс, ё бомдодон. Мабодо ногаҳон омада, шуморо хобида ёбад. Аммо он чи ба шумо мегӯям, ба ҳама мегӯям: Бедор бошед» (Марқ. 13,32-37).

«Ва худатон монанди касоне бошед, ки ба хоҷаи худ *интизорӣ доранд,* то ки ҳангоме аз базми арӯсӣ омада дарро кӯбад, дарҳол барояш воз кунанд» (Луқ. 12,36).

«Эй фарзандон! *Соати охирин аст,* ва чунон ки шунидаед, зиддимасеҳ меояд, ва ҳоло зиддимасеҳони зиёде пайдо шудаанд; аз ин рӯ медонем, ки соати охирин аст» (1Юҳ. 2,18). «Ба тавре ки шумо аз ҳеҷ ато норасоӣ надоред, модоме ки *мунтазири* ошкор шудани Худованди мо Исои Масеҳ мебошед» (1Қур. 1,7).

«Худованд Исои Масеҳ, ки [ба наздикӣ] *зиндагон ва мурдагонро доварӣ мекунад»* (2Тим. 4,1 бо тарҷумаи таҳтуллафзӣ).

«Ва агар бедор набошӣ, Ман чун дузд бар сари ту меоям, ва ту намедонӣ, ки дар кадом соат бар сари ту меоям» (Ваҳй 3,3).

«Инак, чун дузд меоям: *хушо касе ки ҳушёр аст* ва либоси худро нигоҳ медорад, то ки луч роҳ наравад, ва расвоии ӯро набинанд» (Ваҳй 16,15).

2. Далели дуюм бар ваъдае асос ёфтааст, ки Ҷамоат аз ғазаби меомада халос карда мешавад. Дар Румиён 5,9 Павлус мегӯяд: «... ба воситаи Ӯ аз *ғазаб* наҷот меёбем». Дар 1Тасолуникиён 1,10 Худованд Исо чун Халосгари мо аз *ғазаби* оянда тасвир мешавад. Аз 1Тасолуникиён 5,9 бошад мефаҳмем, ки «Худо моро на барои *ғазаб* таъйин кардааст, балки барои ёфтани наҷот ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ». *Ғазаб* ин ҷо метавонад ғазаби давраи Мусибати Бузургро ё ҷазои абадии Худоро барои беимонон ифода кунад. Дар Номаҳо ба Тасолуникиён, аз рӯи алоқамандии матн, ин, аниқтараш, ғазаби давраи Мусибати Бузург аст (ниг. 1Тас. 5,2.3; 2Тас. 1,6-10; 2,10-21).

3. Дар Ваҳй 3,10 Масеҳ ваъда медиҳад, ки халқи Худро *аз* (юн. «эк», ки маънояш «ба як сӯ аз» ё «аз ҷое берун баровarда» аст) *соати озмоиш,* ки бар тамоми олам барои озмудани сокинони замин меояд, нигоҳ медорад.

4. Сохти китоби Ваҳй низ ба фоидаи таълимот дар хусуси ба осмон бурда шудан далолат мекунад. Дар бобҳои 2 ва 3 Ҷамоат чун дар замин сокинбуда тасвир мешавад, пас аз боби 3 ягон ишорае нест, ки он дар замин бошад. Дар бобҳои 4 ва 5 мо муқаддасонро дар осмон бо тоҷҳои ғолибон мебинем. Сипас дар бобҳои 6-19 Мусибати Бузург дар замин тасвир мешавад. Муқаддасони Ҷамоат аллакай дар осмон мебошанд.

5. То дами падид омадани шахси пур аз бадӣ Мусибати Бузург фаро намерасад (2Тас. 2,3). Аммо то дами гирифта шудани монеъшаванда шахси пур аз бадӣ падид намеояд (2Тас. 2,7.8). Бешубҳа, Рӯҳулқудсро монеъшаванда номидан мумкин аст: то даме ки Ҷамоат ҳанӯз дар замин аст, Ӯ ба паҳншавии бадӣ монеъ мешавад. Ӯ аз ин ҷаҳон ҳамчун Оне ки дар Ҷамоат сокин аст, ҳангоми боло бурда шудан гирифта мешавад.

Ба як маъное Рӯҳулқудс ҳамеша дар ин ҷаҳон буд ва ҳамеша дар он хоҳад буд. Аммо боз маънои махсусе низ ҳаст, ки мувофиқи он Ӯ дар рӯзи Пантикост ҳамчун Оне омадааст, ки дар имондорон ва Ҷамоат сокин аст. Ва маҳз ба ҳамин сифат Ӯ ҳангоми ба осмон бурда шудани Ҷамоат гирифта хоҳад шуд. Ин маънои онро надорад, ки Рӯҳулқудс дар давоми Мусибати Бузург хизматгузорӣ нахоҳад кард. Ӯ он вақт низ гуноҳкоронро фош ва ба бозгашт водор хоҳад кард. Аммо Ӯ дар онҳо сокин нахоҳад буд, онҳоро ба Ҷамоат муттаҳид нахоҳад кард. Хизматгузории Ӯ ба он чи Ӯ дар давраи Аҳди Қадим мекард, шабоҳат хоҳад дошт.

6. Дар 1Тасолуникиён 4,18 гуфта шудааст, ки фикр дар бораи дар оянда ба осмон бурда шудан тасалло мебахшад. Рӯзи Худованд бошад на ҳамчун

тасаллодиҳанда, балки чун дузд дар шаб хоҳад омад (1Тас. 5,2). Ин замони ҳалокати ногаҳонӣ (о. 3) ва ғазаб (о. 9) аст, ки аз он гурехтан имкон надорад. Ба осмон бурда шудан бошад, баръакс, дурнамои тарсовар нест, балки ба дил фараҳ мебахшад.

7. Байни *барои* муқаддасони Худ омадани Масеҳ ва *бо* муқаддасон омадани Ӯ як муддате бояд гузарад. Ҳангоме ки Масеҳ барои муқаддасони Худ меояд, ҳамаи имондорон аз ҷаҳон гирифта мешаванд ва баданҳои ҷалолёфта мегиранд (1Қур. 15,51). Бо вуҷуди ин, ҳангоме ки Масеҳ чун Шоҳи шоҳон бозмеояд, Ӯро наҷотёфтагоне пешвоз мегиранд, ки ҳанӯз баданҳои одӣ хоҳанд дошт, ва ин аз он маълум аст, ки онҳо кӯдаконро ба воя мерасонанд (Иш. 65,20-25; Зак. 8,5). Агар ба осмон бурда шудан ва зоҳиршавӣ дар як вақт воқеъ шаванд (дар охири Мусибати Бузург), пас ин одамон аз куҷо пайдо мешаванд?

Боз як сабабе ҳаст, ки чаро байни ба осмон бурда шудан ва Подшоҳии Масеҳ бояд як муддате гузарад. Баъди ба осмон бурда шудан бояд дар осмон Курсии Довари Масеҳ барпо гардад, ки Худованд он ҷо вафодории муқаддасони Худро қадр намуда, мувофиқан мукофот хоҳад дод (2Қур. 5,10). Мукофотҳое ки дар ин маврид гирифта мешаванд, онро муайян мекунанд, ки ин ё он шахси муқаддас дар Подшоҳии Ҳазорсола чӣ қадар ҳокимият хоҳад дошт (Луқ. 19,17.19). Агар ба осмон бурда шудан ва барпо шудани Подшоҳӣ дар як вақт воқеъ мешуданд, пас, барои Курсии Доварии Масеҳ вақт намемонд.

8. Рӯзи Худованд танҳо дар он ҳолате ҳамаро ғофилгир карда метавонад, ки агар чун дузд дар шаб ояд (1Тас. 5,2). Бо вуҷуди ин Павлус возеҳан изҳор менамояд, ки имондоронро он чун дузд дар шаб ғофилгир намекунад (1Тас. 5,4). Пас, имондоронро он тамоман ғофилгир намекунад. Чаро? Бо ду сабаб: а) имондорон фарзандони рӯз мебошанд, на шаб (1Тас. 5,4.5); ва б) Худо имондоронро барои ғазаб муқаррар накардааст (1Тас. 5,9).

9. Ҳангоми ба осмон бурда шудан имондорон ба хонаи Падар мераванд (Юҳ. 14,3), на ин ки ба ақиб, ба замин, чун бояд гумон кард, агар Болошавӣ баъд аз Мусибати Бузург рӯй диҳад.

10. Дар маркази ҳодисаҳои давраи Мусибати Бузург яҳудиён хоҳанд буд. Ин давра «замони тангӣ барои Яъқуб» (Ирм. 30,7) номида шудааст. Ба ҷузъиёт дар Матто 24 диққат диҳед: Яҳудо (о. 16), шанбе (о. 20), ҷои муқаддас (о. 15). Ин истилоҳот ба Ҷамоат ҳеҷ муносибате надоранд.

11. Якчанд рамзҳои Аҳди Қадим ба он ишора мекунанд, ки ба осмон бурда шудан пеш аз Мусибати Бузург воқеъ мешавад. Мо бар ин тимсолҳо таълимот сохтанӣ нестем, аммо онҳо ба манзараи то Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан хеле хуб мувофиқат мекунанд. Ҳанӯх – тимсоли Ҷамоат – пеш аз ба замин фурӯ рехтани обҳои ғазаби Худо ба осмон бурда шуда буд, дар ҳоле ки Нӯҳро – тимсоли бақияи имондори яҳудиёнро – Худо дар тамоми давраи тӯфон нигоҳ медошт.

Лут аз Садӯм пеш аз бар шаҳр фурӯ рехтани оташи доварӣ бароварда шуда буд.

Иброҳим, ки Исҳоқро ба қурбонӣ оварда буд, – тимсоли Худост, ки Писари Худро дар салиби Ҷолҷолто ба қурбонӣ овард. Баъди ин ҳодиса Исҳоқ бори аввал ҳамон вақт зикр мешавад, ки ба пешвози арӯси худ меравад, то ки вайро ба хонаи худ оварад. Ҳамин тавр Масеҳ низ бори аввал пас аз боло рафтани Худ ҳамон вақт зоҳир мешавад, ки барои ба осмон ба хонааш бурдани Арӯси Худ меояд.

Илёс пеш аз он ки ҷазо бар Изобали фасодкор фурӯ рехт, аз замин гирифта шуда буд.

12. Шасту нӯҳ ҳафтсолаи аввали пешгӯии Дониёл (9,24-27) – вақтест аз фармони Артаҳшасто дар соли 445-уми пеш аз милод то ба салиб кашида шудани Масеҳ. Онҳо ба Ҷамоат ҳеҷ муносибате надоранд. Пас, чаро Ҷамоат бояд дар ҳафтсолаи ҳафтодум, яъне ҳангоми Мусибати Бузург бошад? (Умуман, давраи Ҷамоат «замима» байни ҳафтсолаҳои 69-ум ва 70-ум аст.)

**Далелҳо бар зидди назарияи Болошавӣ пеш аз Мусибати Бузург ва ба фоидаи ақидаи Болошавӣ пас аз анҷоми ин давра**

1. Маънои ваъда дар Ваҳй 3,10 на дар он аст, ки муқаддасон аз Мусибати Бузург халос карда мешаванд, балки дар он аст, ки Худо онҳоро дар тамоми давоми он нигоҳ медорад (бо Юҳ. 17,15 муқ. кунед).
*Ҷавоб:* Пешоянди юнонии «эк» маънои «ба як сӯ аз»-ро дорад. Бинобар ин дар ҷумлаи «аз ... муҳофизат хоҳам кард» на он дар назар дошта шудааст, ки Ҷамоат ҳангоми ё дар давоми Мусибати Бузург нигоҳ дошта мешавад, балки он умуман аз он гирифта хоҳад шуд. Худи ҳамин калимаҳо дар Юҳанно 17,15 истифода шудаанд, ки он ҷо Исо дуо мекунад: «Илтимос намекунам, ки Ту онҳоро аз ҷаҳон бибарӣ, балки онҳоро аз бадӣ муҳофизат намоӣ». Пламмер тафсир медиҳад: «Чунон ки Масеҳ Ҳамонест, ки шогирдон дар Ӯ зиндагӣ ва ҳаракат мекунанд, ҳамин тавр бадӣ низ он чизест, ки онҳо аз он («эк»), чунон ки Ӯ дуо мекунад, бояд бароварда шаванд». Ин дуо шунида шуд: имондорон аз подшоҳии шайтон гирифта шуда, ба Подшоҳии Писари Худо гузаронида шуда буданд.
2. Дар нусхаи аслии юнонии Румиён 5,3 калимаи «мусибат» бо артикли муайянӣ истифода шудааст, яъне «*ин* мусибат сабрро ба вуҷуд меорад».
*Ҷавоб:* Аз эҳтимол дур аст, ки Павлус дар назар дошта бошад, ки танҳо дар давраи Мусибати Бузург аз мусибат сабр ба вуҷуд меояд. Ӯ равшан изҳор мекунад, ки он мусибате ки имондорон дар ин ҳаёт аз сар мегузаронанд, ба онҳо сабрро меомӯзонад. Ҳамчунин, дар юнонӣ, чун дар фаронсавӣ ва испанӣ, исмҳои абстрактӣ артикл доранд, бинобар ин тарҷумаи «мусибат» бе артикл низ дуруст аст.
3. Навиштаи Муқаддас бисёр вақт ба имондорон мусибатро ваъда медиҳад (Юҳ. 16,33). Пас, чаро мо аз Мусибати Бузург низ нагузарем?
*Ҷавоб:* Ҳеҷ кас инкор намекунад, ки «мо бояд бо мусибатҳои бисёр дохили Подшоҳӣ гардем» (Аъм. 14,22). Аммо он мусибате ки дар тақдири ҳар як имондор ҳаст, аз Мусибати Бузург, ки интизори ҷаҳони радкунандаи Масеҳ аст, тамоман фарқ дорад.
4. Аз 2Тасолуникиён 1,7 аён аст, ки муқаддасон то дар охири Мусибати Бузург ба замин бозгаштани Худованд Исо осудагӣ пайдо намекунанд.
*Ҷавоб:* Тасолуникиён, ки ин чиз ба онҳо навишта шуда буд, кайҳо дар осмон осудагӣ пайдо кардаанд. Аммо тақдири бади таъқибкунандагони онҳо ва росткории муқаддасон он вақт ба ҷаҳон зоҳир карда мешаванд, ки Худованд Исо дар қувват ва ҷалоли бузург бозмегардад.
5. Мувофиқи Аъмол 3,21, осмон Худованд Исоро то замони ба амал овардани ҳама чиз, яъне Подшоҳии Ҳазорсола, қабул кардааст.
*Ҷавоб:* Ин суханон ба мардони Исроил гуфта шуда буданд (о. 12). Дар он чи ба халқи Исроил дахл дорад, ин ақида дуруст аст. Ин изҳорот бо суханони Исо ба Уршалим ҳамоҳанг аст: «Аз ин пас Маро намебинед, то даме ки гӯед: Муборак аст Он ки ба номи Худованд меояд» (Мат. 23,39). Ин дар охири давраи Мусибати Бузург воқеъ мешавад. Аммо Ҷамоат ин вақт аллакай ҳафт сол боз ба осмонҳо бурда шудааст.
6. Забур 109,1 мегӯяд, ки Масеҳ то дами нобуд карда шудани ҳамаи душманонаш аз дасти рости Худо хоҳад нишаст. Ин дар охири Мусибати Бузург воқеъ мешавад.
*Ҷавоб:* Дар Ваҳй 20,8.9 мо оид ба онҳое мехонем, ки дар охири Подшоҳии Ҳазорсола душмани Масеҳ хоҳанд буд – ҳазор сол пас аз Мусибати Бузург. Мақоми дасти рости Худо ҷои иззат ва қудрат ё маҳалли ҷуғрофӣ буда метавонад.
7. Дар Титус 2,13 умеди муборак бо зоҳиршавии ҷалол як аст. Бинобар ин ба осмон бурда шудан ва зоҳиршавӣ дар як вақт воқеъ мешаванд. Пас, мо бояд на пеш аз Мусибати Бузург ба осмон бурда шуданро, балки ҳамчун Шоҳи шоҳон омадани Масеҳро интизор шавем.
*Ҷавоб:* Ин далел бар яке аз қоидаҳои синтаксисии забони юнонӣ асос ёфтааст, ки «қоидаи Грэнвилл Шарп» ном дошта, чунин мегӯяд: «Агар ду исми бо

пайвандаки *ва* (юн. «каи») пайвастшуда дар як падеж бошанд, ва пеш аз исми якум артикли муайянӣ буда, пеш аз дуюмаш набошад, пас, исми дуюм ҳамон шахсият ва ё предметро ифода мекунад ва давоми тасвири он аст». Ҳамчун намуна Титус 2,13-ро мегирем, ки чунин мегӯяд: «...ҷалоли Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ ...». Калимаҳои Худо ва Наҷотдиҳанда бо пайвандаки «ва» пайваст шудаанд, дар як падеж мебошанд, артикли муайянӣ, ки ин ҷо «[аз он]-и мо» тарҷума шудааст, дар нусхаи аслии юнонӣ на дар пеши «Наҷотдиҳанда», балки пеш аз «Худо» истодааст. Бинобар ин, мувофиқи қоидаи Грэнвилл Шарп, калимаи «Наҷотдиҳанда» ба ҳамон шахсияте тааллуқ дорад, ки «Худо» ба он дахл дорад, ва давоми тасвири он мебошад. Ин, албатта, исбот мекунад, ки Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ Худост.

Дар худи ҳамин оят мехонем: «Интизори умеди муборак ва зуҳури ҷалоли ...» Дар нусхаи аслии юнонӣ пеш аз «умеди муборак» артикли муайянӣ истодааст. Бинобар ин, баъзеҳо, ба қоидаи Грэнвилл Шарп пайравӣ намуда, изҳор менамоянд, ки «умеди муборак» бо «зоҳиршавии ҷалол» ҳамон як чиз аст. Азбаски «зоҳиршавии ҷалол» гуфта, одатан, чун Шоҳи шоҳон омадани Масеҳро мефаҳманд, пас, умеди имондор – на пеш аз Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан, балки дар ҷалол ба замин омадани Масеҳ аст.

Ба ин ду *ҷавоб* ҳаст. Пеш аз ҳама, чун дар ҳамаи қоидаҳо, дар қоидаи Грэнвилл Шарп низ истисноҳо ҳастанд. Яке аз онҳо – Луқо 14,23 аст: «Ба сари роҳҳо ва кӯчабоғҳо баромада ...», ки дар матни юнонӣ пеш аз исми якум артикли муайянӣ ҳаст. Агар қоидаро қатъиян риоя кунем, лозим меояд иқрор шавем, ки роҳҳо ва кӯчабоғҳо ҳамон як чиз мебошанд! Истиснои дуюм дар Эфесусиён 2,20 ҳаст: «бар асоси ҳаввориён ва пайғамбарон». Аммо ҳеҷ касе ки Навиштаи Муқаддасро бо диққат меомӯзад, намегӯяд, ки расулон бо анбиё як мебошанд. Ва ҳатто агар фарз кунем, ки умеди муборак ва зоҳиршавии пурҷалол як мебошанд, ҳеҷ чиз ба мо халал расонида наметавонад, ки ба осмон бурда шуданро ҳамчун зоҳиршавии пурҷалоли Масеҳ ба Ҷамоат қаламдод намоем, дар ҳоле ки ошкоршавӣ зоҳиршавии пурҷалоли Ӯ ба ҷаҳон хоҳад буд. Калимаҳои «апокалипсис» (ваҳй, ошкоршавӣ) ва «эпифания» (зоҳиршавӣ) метавонанд ҳам ба бурда шудани Ҷамоат ба осмон ва ҳам ба бозомадани Масеҳ ҳамчун Шоҳи шоҳон дахл дошта бошанд.

8. Ҷойҳои дигари Навиштаҳо, ки мегӯянд, ки умеди имондорон бозомадани Масеҳ ҳамчун Шоҳи шоҳон аст, 1Қуринтиён 1,7; 1Тимотиюс 6,14; 2Тимотиюс 4,8; 1Петрус 1,7.13; 4,13.

*Ҷавоб:* Калимаҳои «ошкоршавӣ» ва «зоҳиршавӣ», ки дар ин оятҳо истифода шудаанд, ҳам ба бозомадани Ӯ барои муқаддасони Худ ва ҳам ба бозомадани Ӯ бо муқаддасони Худ дахл доранд. Аввал ошкоршавӣ ва зоҳиршавии Ӯ ба Ҷамоат воқеъ мешавад ва сипас – ба ҷаҳон. Аммо ҳатто агар ҳамаи оятҳои дар боло овардашуда ҳақиқатан ба бозомадани Масеҳ ҳамчун Шоҳи шоҳон дахл медоштанд, ба мо бояд аён бошад, ки умеди имондор ҳамаи баракатҳои ояндаи пешгӯишударо фаро мегирад. Мо бо бесабрии хурсандона интизори ба осмон бурда шудан, бозомадани Масеҳ ҳамчун Шоҳи шоҳон, Подшоҳии Ҳазорсола ва Подшоҳии абадӣ ҳастем.

9. Таълимот оид ба то ибтидои Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан решаҳои чуқури таърихӣ надорад. Он фақат тахминан 160 сол пеш пайдо шуда, аз таълимоти Ҷ. Н. Дарбӣ сарчашма мегирад.

*Ҷавоб:* Ҷамоати Аҳди Нав Писари Худоро аз осмон интизор буд. Муқаддасон намедонистанд, ки Ӯ кай меояд, бинобар ин ҳар лаҳза омадани Ӯро чашмдор буданд. Далелҳоеро, ки бар он чи касе таълим додааст ё таълим надодааст, бунёд шудаанд, ad hominem (яъне далели одамӣ) меноманд ва барои ҳақиқат ҳалкунанда намеҳисобанд. Савол бояд чунин гузошта шавад: «Навишта чӣ мегӯяд?», на ин ки «Касе ё дигаре чӣ мегӯяд?»

10. Карнайи охирин дар 1Қуринтиён 15,52 ва карнайи Худо (1Тас. 4,16) ба бурда шудан ба осмон дахл доранд ва бо карнайи

ҳафтум дар Ваҳй 11,15 як мебошанд. Азбаски карнайи ҳафтум дар охири Мусибати Бузург, ҳангоме садо медиҳад, ки «подшоҳии ҷаҳон Подшоҳии Худованди мо ва Масеҳи Ӯ» мешавад, пас, ба осмон бурда шудан бояд баъди Мусибати Бузург воқеъ шавад.

*Ҷавоб:* Ин карнайҳо як нестанд. «Карнайи охирин» ва «карнайи Худо» ҳамон як чиз аст. Он хабаррасони ба осмон бурда шудан буда, оид ба растохези имондорон ва ба хонаи Падар рафтани онҳо ишорат (сигнал) медиҳад. Ин барои Ҷамоат «карнайи охирин» аст. Карнайи ҳафтум дар Ваҳй 11,15 – карнайи охиринест, ки аз силсилаи довариҳо дар давраи Мусибати Бузург хабар мерасонад. Ин карнайи охирин барои беимонони Исроил ва беимонони ғайрияҳудӣ аст. «Карнайи охирин» аз 1Қур. 15,52, ки ҳамчунин «карнайи Худо» номида шудааст (1Тас. 4,16), то саршавии Мусибати Бузург садо медиҳад. Карнайи ҳафтум баъди анҷом ёфтани он садо медиҳад.

11. Растохези аввалин дар Ваҳй 20,4-5 дар охири Мусибати Бузург воқеъ мешавад, на ҳафт сол пеш аз ин, чунон ки тарафдорони таълимот оид ба то Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан мегӯянд.

*Ҷавоб:* Растохези аввалин воқеаи алоҳида нест, балки силсилаи воқеаҳост. Он аз растохези Масеҳ сар шудааст (1Қур. 15,23). Марҳалаи оянда растохези имондорон ҳангоми ба осмон бурда шудан хоҳад буд. Марҳалаи сеюми он – растохези муқаддасони Мусибати Бузург ҳангоми бозгаштани Масеҳ ба замин (Ваҳй 20,4. 5). Бо ибораи дигар: Растохези аввалин растохези Масеҳ ва ҳамаи имондорони ҳақиқиро дар бар мегирад, новобаста ба он ки кай зинда шудаанд. Ҳамаи беимонон дар охири Подшоҳии Ҳазорсола зинда мешаванд, то ки дар назди Тахти Бузурги Сафед биистанд (Ваҳй 20,11-15).

12. Дар Матто 13,24-30 гандум ва мастак то охири замон якҷоя месабзанд, яъне то охири Мусибати Бузург.

*Ҷавоб:* Ҳа, ҳамин тавр. Аммо сухан дар ин масал дар бораи Подшоҳии Осмон аст, на дар бораи Ҷамоат. Дар Подшоҳӣ то анҷоми Мусибати Бузург ҳам онҳое хоҳанд буд, ки ба он тааллуқ доранд ва ҳам онҳое ки ба он тааллуқ надоранд.

13. Ба осмон бурда шудан пинҳонӣ ба амал омада наметавонад, чунки он ҳангоми хабар додан, садои фариштаи муқарраб ва карнайи Худо воқеъ мешавад (1Тас. 4,16).

*Ҷавоб:* Таълимот оид ба пинҳонӣ будани ба осмон бурда шудан бар далеле асос ёфтааст, ки ин дар як мижа задан ба амал меояд (1Қур. 15,52). Ин пеш аз он ба анҷом мерасад, ки ҷаҳон чизеро дида ё фаҳмида тавонад.

14. Ҷорҷ Миллер, Семюэл Трегеллес, Освалд Смит ва дигар ходимони барҷастаи ҷамоат тарафдори ақидаи баъди Мусибати Бузург ба осмон бурда шудан буданд.

*Ҷавоб:* Ин ҳанӯз ба ҳеҷ чиз далолат намекунад. Ҳар ду нуқтаи назар тарафдорони машҳури худро доранд.

15. Аксари истинодҳои Аҳди Нав оид ба бозомадани Масеҳ ба бозомадани Ӯ ҳамчун Шоҳи шоҳон дахл дорад.

*Ҷавоб:* Ин ва ҳеҷ ваҷҳ мухолифи ҳақиқат дар бораи ба осмон бурда шудан нест. Дар Аҳди Нав назар ба дӯзах хеле бештар зикр шудани осмон ҳанӯз маънои онро надорад, ки дӯзах нест.

16. Ҷамоат ҳангоми Мусибати Бузург ғазаби Худоро аз сар намегузаронад, аммо ба ғазаби зиддимасеҳ ё ғазаби иблис дучор мешавад.

*Ҷавоб:* Шаш бор дар китоби Ваҳй ба довариҳои Мусибати Бузург ҳамчун ба *ғазаби Худо* ишора карда мешавад: «Ва фариштаи сеюм аз ақиби онҳо омада, бо овози баланд мегуфт: Ҳар кӣ ҳайвони ваҳшӣ ва ҳайкали онро парастиш кунад ва бар пешонии худ ё бар дасти худ нишона занад, – вай ҳамчунин аз майи *хашми Худо,* аз майи холисе ки дар косаи ғазаби Ӯ муҳайё шудааст, менӯшад, ва дар пеши фариштагони муқаддас ва дар пеши Барра дар оташ ва кибрит азоб мекашад» (14,9.10). «Ва он фаришта доси худро бар замин андохт, ва сарҳои ангури заминро бурид, ва онро дар чархушти бузурги *ғазаби Худо* афканд» (14,19). «Ва дар осмон аломати дигаре дидам, ки бузург ва аҷиб буд: ҳафт фаришта, ки ҳафт балои охирин доранд, чунки *хашми Худо*

бо онҳо анҷом ёфт» (15,1). «Ва яке аз он чор мавҷуди зинда ба ҳафт фаришта ҳафт косаи тиллои пур аз *ғазаби Худоро* дод, ки Ӯ то абад зинда аст» (15,7).

«Ва овози баланде аз маъбад шунидам, ки ба ҳафт фаришта мегӯяд: Равед ва ҳафт косаи *ғазаби Худоро* бар замин резед» (16,1).

«Ва шаҳри бузург ба се қисм аз ҳам ҷудо шуд, ва шаҳрҳои халқҳо фурӯ ғалтиданд, ва Бобили бузург дар пеши Худо зикр ёфт, то ки косаи майи *ғазаби хурӯшони Худоро* ба он диҳад» (16,19).

17. Ҳангоме ки Исо мегӯяд: «Инак, ба зудӣ меоям» (Ваҳй 22,7.12.20), ин чунин маъно надорад, ки Ӯ ҳар лаҳза омада метавонад; он чиз дар назар аст, ки зоҳиршавии Ӯ ногаҳон воқеъ мешавад.

*Ҷавоб:* Ин саволи баҳснок аст. Аммо ҳатто агар сухан дар бораи ногаҳон зоҳир шудан равад ҳам, оятҳое ба монанди Ибриён 10,37 ҳастанд: «... пас аз андаке он Оянда меояд ва дер намекунад».

18. Монеъшаванда дар 2Тасолуникиён 2,6-8 на Рӯҳулқудс, балки ҳукумати Рум ё қувваи Худост.

*Ҷавоб:* Ин масъала дар тафсири ин оятҳо муфассал таҳлил шуда буд.

19. Петрус ва Павлус бовар карда наметавонистанд, ки Худованд метавонад ҳар лаҳза ояд, зеро ҳар ду медонистанд, ки мемиранд (Юҳ. 21,18.19; 2Пет. 1,14.15; 2Тим. 4,6).

*Ҷавоб:* Павлус баъзан оид ба худ чун оид ба касе сухан меронад, ки дар лаҳзаи ба замин бозгаштани Худованд дар замин зиндагӣ мекунад (1Тас. 4,15), ва баъзан чун оид ба яке аз он имондороне ки мемиранд ва сипас зинда мешаванд (Фил. 3,10.11). Муносибати мо низ бояд ҳамин гуна бошад. Мо ҳангоми ҳаёти худ бозомадани Худовандро бесаброна интизор ҳастем, аммо дарк мекунем, ки пеш аз ба осмон бурда шудан низ мурда метавонем. Петрус бовар мекард, ки анҷоми ҳама чиз аллакай наздик аст (1Пет. 4,7). Вай истеҳзокунандагонро, ки бозомадани Худовандро инкор карда, мегуфтанд, ки «ҳама чиз ончунон ки аз аввали офариниш буд, боқӣ мондааст» (2Пет. 3,4), маҳкум мекунад.

20. Худованд ҳар лаҳза омада наметавонад, чунки аввал бояд Хушхабар то гӯшаҳои дурдасттарини ҷаҳон расад (Мат. 24,14).

*Ҷавоб:* Ин ба Хушхабари Подшоҳӣ дахл дорад, ки дар рӯзҳои Мусибати Бузург дар тамоми ҷаҳон паҳн мешавад. Хабари он чунин хоҳад буд: «Ба Худованд Исои Масеҳ бовар кунед ва наҷот хоҳед ёфт; ҳангоме ки Масеҳ меояд, шумо ҳамроҳи Ӯ ба Подшоҳии Ҳазорсола дохил мешавед». Ин ҳамон роҳи наҷот аст, ки мо имрӯзҳо мавъиза мекунем, фақат нигоҳи мо ба бурда шудан ба осмон нигаронида шудааст. Бо суханони дигар мо мегӯем: «Ба Худованд Исои Масеҳ бовар кунед, ва наҷот хоҳед ёфт; ва ҳангоме ки Масеҳ меояд, шумо ҳамроҳи Ӯ ба хонаи Падар меравед».

21. Дар оятҳое ба монанди Матто 28,19.20 ва Аъмол 1,8 гуфта шудааст, ки Хушхабар бояд ба «ҳамаи халқҳо» ва «то канори ҷаҳон» расад. Агар чунин бошад, Худованд ҳеҷ наметавонист ҳангоми зиндагии расулон биёяд.

*Ҷавоб:* Дар Кулассиён 1,6.23 Павлус мегӯяд, ки «тамоми ҷаҳон» ва «тамоми офаридаҳои зери осмон» Хушхабарро шунидаанд. Дар Румиён 10,18 гуфта мешавад, ки сухани Хушхабар то канорҳои дунё расидааст. Мо, албатта, мефаҳмем, ки ин ба ҷаҳоне ки он вақт ба одамон маълум буд, яъне ба кишварҳое ки дар атрофи баҳри Миёназамин воқеъ буданд, дахл дорад.

22. Нақшаҳои Павлус оид ба сафарҳои дарозмуддати миссионерӣ (Аъм. 18,21; 23,11; Рум. 15,22-25.30.31) нишон медиҳанд, ки вай интизори дарояндаи наздик омадани Худованд набуд.

*Ҷавоб:* Павлус нақшаҳои худро ба хости Худо тобеъ мекард (Аъм. 18,21; Рум. 1,10; 1Қур. 4,19). Вай чунон меҳнат мекард, ки гӯё ба бозомадани Худованд ҳангоми зиндагияш умед надошта бошад, ва бедор ва мунтазир буд, чунон ки боварӣ дошта бошад, ки Ӯ ҳар лаҳза омада метавонад.

23. Павлус оид ба замонҳои сахт дар айёми охир сухан меронад (1Тим. 4,1-3; 2Тим. 3,1-5). Ин мавҷудияти фосилаи вақтеро дар назар медошт, ки дар давоми он наомадани Худованд аниқ аст.

*Ҷавоб:* Павлус ҳамчунин гуфтааст, ки сирри бадӣ аллакай он вақт амал мекард (2Тас. 2,7), Юҳанно бошад навишта буд, ки «соати охирин» аллакай фаро расидааст (1Юҳ. 2,18). Ҳар ду расул дар ин ҳеҷ мушкилиеро намедиданд, ки масеҳиёнро аз умеди бозгашти наздики Худованд маҳрум мекарда бошад.

24. Аз масалҳо дар Матто 25,14-30 ва Луқо 19,11-27 хулосае бармеояд, ки то бозомадани Худованд боз якчанд муддат мегузарад. Бинобар ин масеҳиёни аввалин ҳеҷ наметавонистанд ҳар лаҳза бозомадани Худовандро интизор бошанд.

*Ҷавоб:* Масеҳиёни аввалин, аз афташ, таълимоти худро бар асоси масалҳо бунёд намекарданд, чунки онҳо ба ҳар ҳол интизори ба осмон бурда шудан буданд (1Тас. 1,10). Илова бар ин, мафҳуми «муддати дуру дарозе» дар Матто 25,19 он қадар аниқ нест, то ки наздик будани бозгаштани Ӯ аз назар соқит карда шавад. Масал аз Инҷили Луқо таълим медиҳад, ки Подшоҳӣ ба зудӣ зоҳир намешавад (Луқ. 19,11), аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ онро истисно намекунад, ки ба осмон бурда шудани *Ҷамоат* ҳар лаҳза воқеъ шуда метавонад.

# Тавзеҳот

1. (1,1) Ҳанӯз (ё аз нав) ҷамоати масеҳие дар Тасолуникӣ (ҳоло ш. Салоникӣ) ҳаст.
2. (1,5) E. W. Rogers, *Concerning the Future*. саҳ. 80.
3. (1,6) George Williams, *The Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 948.
4. (2,1) William Kelly, *Elements of Prophecy,* саҳ. 253.
5. (2,2) «Худованд» тарҷумаи интиқодии НА мебошад. Тарҷумаи анъанавии «Масеҳ» дар аксари дастнависҳо ёфт мешавад. Баъзе тафсиркунандагон «рӯзи Масеҳ»-ро чун марҳалаи охирини таъқиботе мефаҳманд, ки вақти пайдо шудани «марди гуноҳ» сар мешавад. Баъзе тасолуникиён барғалат фикр мекарданд, ки ин марҳала аллакай сар шудааст. Павлус ин марҳаларо ба давраи баъд аз Болошавӣ пайваст намуда, ин тасаввуротро рад мекунад.
6. (2,3) Баъзе илоҳиётшиносон, чун Ҷ. Д. Пентакост, калимаи «апостасия»-ро «рафтан» тарҷума мекунанд ва онро ба худи бурда шудан ба осмон мутааллиқ медонанд. Агар онҳо дуруст гуфта бошанд, пас, ин оят далели раднашавандае ба фоидаи то саршавии Мусибати Бузург бурда шудан ба осмон мешавад.
7. (2,4) Пешоянди юнонии (дар ин ҷо префикс) «анти» маънои ҳам «зидди» ва ҳам «ба ҷои»-ро дорад. Ҳар ду тарҷума ба тасвири зиддимасеҳ мувофиқат мекунанд.
8. (2,6) Дар матни юнонӣ дар ояти 6 артикл ва ҷонишини *ҷинси миёна* ҳаст, дар ояти 7 бошад – артикл ва ҷонишини *ҷинси мардона*.
9. (2,6) Rogers, *Future,* саҳ. 65.
10. (2,6) Оид ба Рӯҳулқудс танҳо аз боиси грамматика дар ҷинси миёна гуфта мешавад (калимаи «пнеума» – ҷинси миёна аст). Ҷинси мардона барои таъкиди он истифода мешавад, ки Ӯ Шахсият аст.
11. (3,11) Калимаҳои юнонӣ «тамоман на *эргазоменоус* (кор карда), балки *периэргазоменоус* (бо кори беҳуда машғул шуда)» ҳастанд. (Ба решаи «эрг» «кор» аҳамият диҳед; «пери» гирдогирд, дар паҳлуи.)

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёти истифодашуда дар охири 1Тасолуникиён нигаред.

# НОМАҲОИ ШУБОНӢ

*Номаҳои шубонӣ дар таърихи тараққии ҷамоати масеҳӣ нақши муҳиме бозидаанд ва дар қонуни Аҳди Нав мустаҳкам ҷой гирифтаанд. Ҷолибияти онҳо дар омезиши маслиҳатҳои амалӣ бо тасдиқоти илоҳиётшиносӣ асос ёфтааст, ки барои масеҳиён – ҳам барои ҷамоат ва ҳам барои ҳар шахси алоҳида сарвати бебаҳо мебошанд.*

Доналд Гутрӣ

## Муқаддима

### I. МАЪНОИ ИСТИЛОҲИ «НОМАҲОИ ШУБОНӢ»

Аз солҳои 1700 сар карда, Номаҳои якум ва дуюм ба Тимотиюс ва Нома ба Титус номи «Номаҳои шубонӣ»-ро доранд. Ин ном ба кас ҳам ёрӣ дода ва ҳам саргум карда метавонад – вобаста ба он ки чӣ гуна маънидод карда шудааст.

Агар фарз кунем, ки дар номаҳо маслиҳатҳои амалӣ оиди он ҳастанд, ки ба гӯсфандони Худованд чӣ гуна ғамхорӣ кардан даркор аст, пас ном дуруст интихоб шудааст.

Аммо агар дар назар дошта шавад, ки Тимотиюс ва Титус дар ҷамоатҳои Эфесус ва Крит чун рӯҳониёни касбӣ (шубонҳои ҳозира) ба хизмат таъйин шуда буданд, пас ном ғалат аст.

Расул Павлус Тимотиюс ва Титусро ба калисоҳо бо супориши муваққатӣ фиристода буд, то ки масеҳиёнро таълим диҳанд ва аз муаллимони дурӯғин огоҳ намоянд.

Азбаски амалан ҳамаи илоҳиётшиносон бо он розӣ ҳастанд, ки се нома ба як давраи вақт мансуб буда, ба як муаллиф тааллуқ доранд, мо муаллифӣ ва эътимоднокии онҳоро якҷоя аз назар мегузаронем.

### II. МУАЛЛИФИИ НОМАҲО

То соли 1804, то даме Шмидт эълон намуд, ки Павлус ин номаҳоро нанавиштааст, ҷамоат ва ҳатто одамони беимон онҳоро чун номаҳои аслии расули бузург қабул мекарданд.

Аз ин вақт ин китобҳоро «қалбакӣ», аммо «тақводорона» номидан сар шуд (гӯё қаллобӣ бо тақводорӣ ягон умумияте дошта метавониста бошад!) Бисёр илоҳиётшиносони либералӣ ва баъзе илоҳиётшиносони муҳофизакор ин китобҳоро бо душворӣ ҳамчун ба қалами Павлус тааллуқдошта ё пурра ба ӯ тааллуқдошта қабул мекунанд. Азбаски дар онҳо таълими муҳиме оиди тарзи идоракунии ҷамоат ва таълимоти муҳими дигар, аз ҷумла, огоҳиҳо бар зидди бидъатҳо ва беимонии замони охир ҳастанд, мо чунин меҳисобем, ки муаллифии ин Номаҳоро назар ба ҳамаи номаҳои дигар (ғайр аз 1Петрус) муфассалтар аз назар гузаронидан лозим аст.

### III. ШАҲОДАТИ БЕРУНӢ

Номаҳои шубонӣ шаҳодати берунии қавӣ доранд. Ҳатто агар ин меъёри ягонаи қабул кардан ё накардани онҳо мебуд, онҳо, бе ягон шубҳа, ғолиб меомаданд.

Муаллифи аввалине ки бевосита Номаҳоро иқтибос намудааст, – Ириней аст. Тертуллиан ва Клименти Искандариягӣ, ва ҳамчунин қонуни Мураторӣ онҳоро ба Павлус мансуб медонистанд. Таассуроте ҳосил мешавад, ки падарони аввалини Ҷамоат, дар байни онҳо Поликарп ва Клименти румӣ, ҳамчунин бо ин номаҳо ошно буданд.

Маркион, чун Тертуллиан, ин се китобро ба «қонун»-и худ дохил накард. Аммо ин на инкори ҳақиқӣ будани онҳо, балки инкори мазмуни онҳо мебошад. Маркион як навъ сарвари мазҳабӣ буд, ки нисбати ҳуҷумҳои Павлус ба гностисизми падидомада (ниг. «Муқаддима» ба Кулассиён), ки дар номаҳои шубонӣ

ҳастанд, истеҳзо мекард. Ба ин бидъаткорони зиддияҳудӣ хусусан 1Тимотиюс 1,8; 4,3; 6,20; 2Тимотиюс 3,16.17 маъқул набуданд.

## IV. ШАҲОДАТИ ДОХИЛӢ

Қариб ҳамаи ҳуҷумҳо бар зидди муаллифии Павлус дар ихтилофи тахминшудаи дохили худи номаҳо асос ёфтаанд.

Ҳамчун исбот се самти асосии шаҳодат оварда мешавад: таърихӣ, ҷамоатӣ ва забоншиносӣ. Мо ҳар яки ин се масъаларо мухтасар аз назар гузаронда, мефаҳмонем.

*Масъалаи таърихӣ.* Баъзе ҳодисаҳо ва одамоне ки дар ин китобҳо тасвир ёфтаанд, бо воқеаҳои Амалҳо ё бо он чи аз номаҳои дигар оиди хизмати Павлус медонем, мувофиқат намекунанд. Трофимуси беморро дар Милитус тарк кардани Павлус, ридо ва китобҳои вай дар Трӯос дар ҳеҷ ҷои дигар дар робита бо сафарҳои ба мо маълуми Павлус зикр намешаванд.

Ин изҳоротро рад кардан осон аст. Бале, дуруст аст, ки ин воқеаҳо бо Амалҳо мувофиқат намекунанд; аммо ин чиз аз он талаб ҳам карда намешавад. Филиппиён 1,25 мегӯяд, ки Павлус озодӣ ба даст овардани буд, ва мувофиқи ривоятҳои масеҳӣ, ҳамин тавр ҳам шуд: вай то ҳабси навбатӣ ва қатл боз якчанд сол ба Худованд хизмат кард. Ҳамин тариқ, ҳамаи воқеаҳое ки дар номаҳои шубонӣ зикр мешаванд, номҳои дӯстон ва душманон ба давраи фаъолияти миссионерии вай дар байни ду маҳбусӣ мансубанд.

*Масъалаи ҷамоатӣ.* Чунин ҳисобида мешавад, ки ҷамоат хеле дертар аз он замоне ки Павлус мезист, ташкил ёфтааст, – дар асри II. Агарчи дар номаҳои шубонӣ сухан дар бораи усқуфон, пирон ва диаконҳо меравад, шаҳодате нест, ки онҳо усқуфони типи «монархӣ»-и асри дуюм ва асрҳои оянда буданд. Дар Филиппиён 1,1 – номаи қадимтар – оиди якчанд усқуф (пирон) дар ҷамоат зикр мешавад, на оиди як усқуфе ки сардори ҷамоат мебошад, ва ё, гузашта аз ин, на оиди сохти баъдинае ки дар он як усқуф чандин ҷамоатҳоро идора мекард. Ҳамчунин, дар номаҳо ба Тимотиюс ва Титус калимаҳои «пирон» ва «усқуфон» баробармаъно истифода мешаванд, дар ҳоле ки аз асри II сар карда, бо ташвиқу тарғиби Игнатий як «усқуф» ҷудо карда шуда буд, то ки дигар «пирон»-ро идора кунад.

Ҳамин тариқ, ҳатто ҳангоми омӯзиши сатҳии таърихи роҳбарияти ҷамоат равшан аён аст, ки номаҳо на ба асри II, балки ба замони расулон мансубанд.

*Далели забоншиносӣ.* Ҳуҷумҳои пурқувваттарин дар фарқи услуб ва захираи луғавии ин се нома ва даҳ номаи дигаре ки мо ба Павлус мансуб медонем, асос ёфтаанд. Дар се номаи шубонӣ баъзе калима ва ифодаҳои дӯстдоштаи Павлус вонамехӯранд ва бисёр калимаҳо дар номаи дигари вай истифода намешаванд (36% калимаҳои нав). Методологияи статистикӣ бояд «исбот кунад», ки Павлус ин номаҳоро навишта наметавонист. (Худи ҳамин усул муаллифии шеърҳои Шекспирро зери шубҳа мегузорад).

Бояд иқрор шуд, ки дар ин маврид мушкилот ҷой доранд. Ин дафъа фаразияҳо на ба таври пурра дар бадгумонӣ зидди таълимоти рӯҳонии номақбул асос ёфтаанд. (Агарчи муртадони замони охир, ки дар номаҳо маҳкум карда мешаванд, бо донишмандоне ки муаллифии Павлусро рад мекарданд, ба таври ҳайратовар ҳамоҳанг баромад мекунанд.)

Аввалан, дар назди мо номаҳои шахси пир мебошанд, ки дар остонаи марг аст, оне ки бисёр сафар кардааст ва баъди аз ҳабс озод шудан соҳиби дӯстони зиёде шуд (2Тимотиюс дар вақти маҳбусии дуюми вай навишта шудааст). Баробари зиёд шудани синну сол, бо хондани китобҳои нав, сафарҳо, вохӯриҳо бо одамон, захираи луғавии ҳар як одам афзун мешавад.

Сонийан, мавзуи асосии ин номаҳоро муайян кардан лозим аст: вазифаҳои ҷамоатӣ, этика (ахлоқ) ва муртадӣ; ҳамаи инҳо калимаҳои навро талаб мекарданд.

Ҳамчунин номаҳо барои бо усули статистикӣ аз назар гузарондан хеле кӯтоҳанд. Чуноне ки Гутрӣ дар муқаддимаи худ изҳор менамояд, беш аз ҳама он муҳим аст, ки 80% захираи луғавии Аҳди Нав, ки танҳо дар номаҳои шубонӣ вомехӯрад, дар нусхаи юнонии Аҳди Қадим – дар Септуагинта вомехӯрад. Азбаски Павлус дар Юнон хизматгузорӣ мекард, бешубҳа, вай бо Навиштаи Аҳди Қадим ба ин забон, чунон ки ба забони нусхаи асл, хуб ошно буд. Калимаҳое ки Павлус ба кор мебурд, дар ҳадди ақалл, қисми «захираи

калимаҳои камистеъмол»-и вай буданд. Падарони Ҷамоат, ки забони юнониро ҳамчун забони гуфтугӯ ба кор мебурданд, дар муаллифи номаҳои шубонӣ будани Павлус ҳеҷ мушкилие намедиданд. (Он далел ки баъзе аз онҳо Павлусро муаллифи Нома ба Ибриён меҳисобанд, нишон медиҳад, ки онҳо ба ҳар ҳол ба усули нависанда аҳамият доданд).

Ҳамаи ҷавобҳо ба саволҳоро муқоиса намуда, ва хусусан онҳоро бо факти дерина ва қабулшуда, ки масеҳиёни муътақид ин Номаҳоро ҳамчун асарҳои Павлус қабул мекарданд, муттаҳид намуда, мо низ онҳоро бо виҷдони пок қабул карда метавонем. Мазмуни ахлоқан баланди номаҳо қалбакӣ ё «тақводорона» буданро рад мекунад. Ин сухан аз рӯи илҳоми илоҳӣ буда (2Тим. 3,16. 17), ба воситаи расул Павлус расонида шудааст.

## V. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪҲОИ НОМАҲОИ ШУБОНӢ

Ба мо оиди он давраи ҳаёти Павлус, ки ин номаҳо навишта шуда буданд, чизи каме маълум аст. Беҳтарин коре ки мо карда метавонем, – фактҳои тарҷумаи ҳоли вайро, ки дар номаҳо чун порчаҳои алоҳида вомехӯранд, муттаҳид намудан аст.

Якчанд калимаҳо ва мавзуъҳо ҳастанд, ки дар номаҳо бисёр вомехӯранд. Онҳо ёрӣ медиҳанд, то аниқ намоем, ки ҳангоме хизмати Павлус ба анҷом наздик меомад, чӣ чиз бештару бештар ӯро ба изтироб меовард.

Яке аз калимаҳои хос *имон* аст. Баробари афзудани муртадӣ Павлус кӯшиш мекард ба ягонагии таълимоти масеҳӣ, ки барои муқаддасон муқаррар шудааст, диққати махсус диҳад. Вай муносибати гуногуни одамонро ба имон дар замони ҳозира ва оянда тасвир кардааст.

1. Киштии имони баъзе касон ғарқ шуд (1Тим. 1,19).
2. Баъзе касон аз имон бармегарданд (1Тим. 4,1).
3. Баъзеҳо тарки имон кардаанд (1Тим. 5,8).
4. Баъзеҳо имони пештараро рад кардаанд (1Тим. 5,12).
5. Баъзеҳо аз имон баргаштаанд (1Тим. 6,10).
6. Баъзеҳо ба мақсади имонашон нарасидаанд (1Тим. 6,21).

Гуфтаҳои боло бо ибораи «таълимоти *солим*» зич алоқаманд мебошанд. «Солим» – на танҳо дуруст ва вайроннашуда аст. Ин таълимоти «саломат», ё «диҳандаи саломатӣ» аст. Калимаи «гигиена» аз ин калимаи юнонӣ пайдо шудааст. Ин ҷо, албатта, сухан дар бораи гигиенаи рӯҳонӣ меравад. Ба гуфтаҳои зерин таваҷҷуҳ намоед:

Таълимоти солим (1Тим. 1,10; 2Тим. 4,3; Тит. 1,9; 2,1).

Суханони солим (1Тим. 6,3, 2Тим. 1,13). Дар имон солим (Тит. 1,13; 2,2). Гуфтаи солим (Тит. 2,8).

Шаш бор калимаи *«виҷдон»* истифода мешавад: 1Тим. 1,5.19; 3,9; 4,2 2Тим. 1,3 Тит. 1,15

*Парҳезгорӣ* ва *диндорӣ* далели амалии таълимоти солим аст: 1Тимотиюс 2,2.10; 3,16; 4,7.8; 5,4; 6,3.5. 6.11; 2Тимотиюс 3,5 (фақат намуди зохирии диндорӣ); 3,12; Титус 1,1; 2,12.

*«Боисмат будан»* (покдоманӣ) ва калимаҳои муқобилмаънои он нишон медиҳанд, ки расулон зарур медонистанд, то ёрдамчиёни ҷавон дар худ хислати боисматиро инкишоф диҳанд: 1Тимотиюс 2,9.15; 5,6.8; 2Тимотиюс 3,2.12; Титус 1,8; 2,2.5.6.12.

Бояд гуфт, ки расул гуногунии *некиро* зикр мекунад:

Виҷдони нек (1Тим. 1,5.19).

Шариат нек аст (1Тим. 1,8).

Сарбози нек (1Тим. 1,18).

Дуо хуб аст (1Тим. 2,3).

Амалҳои нек (1Тим. 2,10; 3,1; 5,10.25; 6,18; 2Тим. 2,21; 3,17; Тит. 1,16; 2,7.14; 3,1.8.14).

Рафтори нек (боодобӣ, 1Тим. 3,2).

Шаҳодати нек (1Тим. 3,7). Хизмати нағз (1Тим. 3,13).

Ҳар офарида хуб аст (1Тим. 4,4).

Хизматгузори нек (1Тим. 4,6).

Таълимоти нек (1Тим. 4,6). Диндорӣ писандидаи Худост (1Тим. 5,4).

Талоши нек дар роҳи имон (1Тим. 6,12; 2Тим. 4,7).

Эътирофи нек (1Тим. 6,12.13).

Асоси нек (1Тим. 6,19).

Амонати нек (2Тим. 1,14).

Сарбози нек (2Тим 2,3).

Одамони хайрхоҳ, некдил (2Тим. 3,3; Тит. 1,8; 2,5).

Зарурати таълим додани некӣ (Тит. 2,3).

Вафои нек (Тит. 2,10).

Таҳқиқи охирини захираи луғавӣ ба истилоҳоти тиббии номаҳо дахл дорад. Баъзеҳо инро шаҳодати он меҳисобанд, ки табиб Луқо он вақт дӯсти наздики Павлус буд.

Мо аллакай зикр намуда будем, ки калимаи *«солим»* нисбати таълимот, калимаҳо, мавъиза ва имон ба маънои «диҳандаи саломатӣ» истифода мешавад.

Дар 1Тимотиюс 4,2 Павлус оиди *«виҷдони бо доғе беҳисшуда»* сухан меронад. «Бо доғ беҳисшуда» маънои бо асбоби тафсон сӯзондашударо дорад.

Ибораи *«ба бемории ҷанҷолҳо ва баҳсҳо дучор шудааст»* барои тасвири бемории рӯҳӣ истифода мешавад ва оиди дар байни онҳо будани ин беморӣ мегӯяд (1Тим. 6,4).

Калимаи *«мараз»* дар 2Тимотиюс 2,17 ҳаст.

*«Ба гӯшҳо хуш омадан»* (2Тим. 4,3) – ифодаи охиринест, ки Павлус барои тасвири ташхиси бемории клиникии ҷамоати охирзамон ба кор мебарад.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, биёед акнун ба таҳқиқи оятҳои Номаи якум ба Тимотиюс рӯ меоварем.

# НОМАИ ЯКУМ БА ТИМОТИЮС

*Ин нома мебоист дар дасти Тимотиюс тасдиқи ҳуҷҷатии ваколаташ барои чун намояндаи расул амал кардан мебуд. Ана барои ҳамин қисми зиёди нома ба ҳаёт ва фаъолияти худи Тимотиюс бахшида шудааст.*

Д. Эдмонд Ҳиберт

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Ҳар касе ки ба қалами расули бузург Павлус тааллуқ доштани номаҳои шубониро зери шубҳа гузошта, Ҷамоатро аз онҳо маҳрум карданӣ мешавад, ба имон зарари калон мерасонад. Ба фикри мо, дар асл мушкилии асосии ин гуна одамон на дар «луғати Павлус набудан», балки дар усули ба Павлус хоси ба як чизи ягона пайвастани ин калимаҳост! Охир, ин суханон маҳз он чизҳоеро маҳкум мекунанд, ки баъзеи ин одамон мекунанд ва таълим медиҳанд.

Ҳақиқат, зебоӣ ва қувваи рӯҳонии 1Тимотиюс дили ҳар касеро, ки оид ба матни он беғаразона андешаронӣ мекунад, ба тапиш водор менамояд. Дар асл бисёрии онҳое ки муаллифии Павлусро инкор мекунанд, инро ба андозае сахт ҳис мекунанд, ки ақидае оид ба тайёркунандаи мактубҳои қалбакӣ пайдо шудааст, ки гӯё ба ин асари олидараҷаи худ порчаҳоро аз номаҳои аслии Павлус дохил намудааст! Ҳамин тавр, масалан, шаккоки фаронсавии асри XIX Эрнест Ренан навишта буд: «Баъзе ифодаҳои ин нома ба андозае зебоянд, ки ба худ савол надодан имкон надорад, ки оё ба дасти муаллиф қайдҳои аслии Павлус, ки вай ба асари апокрифии худ дохил намудааст, наафтодаанд».[1]

Ҳақ будани Ҷамоатро эътироф намудан то чӣ андоза осонтар аст – он аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ ва то ҳол ба як овоз изҳор менамояд, ки ин пурра ва комилан «қайдҳои аслии Павлус» мебошанд.

Дар 1Тимотиюс ваҳйҳои хеле муҳим оид ба тартиби ҷамоат, хизмати занон ва роҳбарони ҷамоат ҳаст. Зиндагии худи Павлус намунаи бемисоли он буд, ки марди Худо чӣ гуна бояд бошад.

### II. МУАЛЛИФӢ

Муҳокимаи муаллифии 1Тимотиюс дар «Муқаддима ба номаҳои шубонӣ» баён карда шудааст.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Қариб ҳама илоҳиётшиносони муҳофизакор (консервативӣ) чунин ақида доранд, ки 1Тимотиюс якумин номаи шубонии Павлус буд, ва аз он пас Нома ба Титус навишта шуд. Номаи дуюм ба Тимотиюсро расул чанде пеш аз марги худ навишта буд. Агар Павлус соли 61-уми милодӣ аз ҳабси хонагӣ озод шуда бошад, ки ин ба ӯ имкони сафар карданро дод, пас, Нома тахминан дар солҳои 64-66 дар Юнон навишта шудааст.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Мавзуи 1Тимотиюс дар 3,14.15 хеле равшан тасвия шудааст: «Инро ба ту менависам ба умеди он ки ба қарибӣ назди ту биёям. Аммо агар дер монам, туро лозим аст донӣ, ки чӣ гуна дар хонаи Худо рафтор бояд кард, ки он Ҷамоати Худои Зинда, сутун ва бунёди ростист».

Павлус зикр мекунад, ки рафтори Ҷамоати Худо бояд ба меъёрҳои муайян мувофиқат кунад ва вай ба Тимотиюс барои он менависад, ки инро ба вай маълум намояд.

Ба кӯдаке ки бисёр бетартибӣ мекунад, «Хуб рафтор кун!» гуфта амр кардан кофӣ

нест, агар вай надонад, ки ин рафтори хуб чӣ гуна аст. Аввал ба вай дар инро фаҳмондан лозим аст. Павлус дар 1Тимотиюс маҳз ҳамин корро нисбати Ҷамоати Худо мекунад.

Назари рӯякӣ ба бобҳои мактуб шаҳодат медиҳад, ки маводи онҳо мавзӯеро, ки тарҳаш дар боло зикр шуд, бо мазмун пур мекунад. Дар боби 2 нишон дода шудааст, ки ҳангоми дуо дар ҷамъомад чӣ гуна рафтор бояд намуд ва нақши зан дар ҷамоат кадом аст. Дар боби 3 талабот ба онҳое ки дар ҷамоат мақомҳои роҳбариро ишғол кардани ҳастанд, номбар шудаанд. Дар боби 5 вазифаи ҷамоат нисбати беваҳо таъкид карда шудааст.

## Нақша

I. ДУРУД (1,1.2)
II. АМР БА ТИМОТИЮС (1,3-20)
  А. Амри ба хомӯшӣ маҷбур намудани муаллимони дурӯғин (1,3-11)
  Б. Шукргузорӣ барои файзи ҳақиқии Худо (1,12-17)
  В. Такрори амр ба Тимотиюс (1,18-20)
III. НАСИҲАТҲО ОИД БА ҲАЁТИ ҶАМОАТ (2,1–4,16)
  А. Оид ба дуо (2,1-7)
  Б. Оид ба мардон ва занон (2,8-15)
  В. Оид ба усқуфон ва диаконҳо (3,1-13)
  Г. Оид ба рафтор дар ҷамоат (3,14-16)
IV. АЗ ИМОН БАРГАШТАН ДАР ҶАМОАТ (4,1-16)
  А. Огоҳкунӣ оид ба муртадӣ, ки ба ҷамоат таҳдид мекунад (4,1-5)
  Б. Рағбатнок намудан ба парҳезгорӣ ҳамчун ҳимояи беҳтарин аз муртадии меомада (4,6-16)
V. НАСИҲАТҲОИ МУШАХХАС БА ГУРӮҲҲОИ МУХТАЛИФИ МАСЕҲИЁН (5,1–6,2)
  А. Ба намояндагони гурӯҳҳои синну солашон гуногун (5,1.2)
  Б. Ба бевазанон (5,3-16)
  В. Ба пирон (5,17-25)
  Г. Ба ғуломон ва соҳибон (6,1.2)
VI. МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ВА ДӮСТ ДОШТАНИ ПУЛ (6,3-10)
VII. АМРҲОИ ХОТИМАВӢ БА ТИМОТИЮС (6,11-21)

# Тафсир

### I. ДУРУД (1,1-2)

**1,1** Павлус худро пеш аз ҳама ҳамчун расули *Исои Масеҳ* мешиносонад. «Расул» маънои «қосид»-ро дорад, бинобар ин Павлус он фактро баён мекунад, ки Худо ба вай меҳнати миссионериро фармудааст. Расул ин хизматро *бо фармони Худое ки Наҷотдиҳандаи мост, ва Исои Масеҳи Худованд* ба ҷо меовард. Ин он ҳақиқатро таъкид менамояд, ки Павлус хизматро худ ҳамчун воситаи рӯзгузаронӣ интихоб накардааст, ва одамон вайро ба ин вазифа таъйин накардаанд. Худи Худо вайро даъват намуд, то таълим диҳад, мавъиза кунад ва азоб кашад. Дар ин оят *Худо* Падар *Наҷотдиҳандаи мо* номида шудааст. Одатан Аҳди Нав Худованд Исоро Наҷотдиҳанда меномад. Аммо ин ҷо ихтилофе нест. Худо ба он маъно *Наҷотдиҳандаи* одамон аст, ки наҷоти онҳоро хоҳон аст, ва Писари Худро барои иҷрои кори раҳоӣ фиристодааст, ва Ӯ ба ҳар касе ки Худованд Исоро бо имон қабул мекунад, ҳаёти ҷовидонӣ медиҳад. Масеҳ бошад ба он маъно Наҷотдиҳанда аст, ки ба салиб баромад ва ҳама кори заруриро кард, то Худо гуноҳкорони исёнкорро аз рӯи адолат наҷот дода тавонад.

Ин ҷо оид ба Худованд Исо ҳамчун оид ба *умеди мо* гуфта мешавад. Ин ба мо Кулассиён 1,27-ро ёдрас мекунад: «Масеҳ дар шумо умеди ҷалол аст». Умеди ягонаи ба осмон рафтани мо дар Шахсият ва амали Худованд Исо ниҳон аст. Охир, дар асл ҳамаи он дурнамоҳои олидараҷае ки Навиштаи Муқаддас тасвир менамояд, танҳо барои он ба мо тааллуқ  доранд, ки мо бо Исои Масеҳ алоқаманд ҳастем.

Ҳамчунин ба он аҳамият диҳед, ки Масеҳ осоиши мо (Эфс. 2,14) ва ҳаёти мост (Кул. 3,4). Ӯ осоиши мо шуд, чунки масъалаи гуноҳро дар гузашта ҳал кард; Ӯ ҳаёти мост, чунки ба мо қувват медиҳад, ки ҳозир мувофиқи хости Ӯ зиндагӣ кунем; ва Ӯ умеди мо шуд, чунки масъалаи наҷотро дар оянда ҳал кард.

**1,2** Мактуб *ба Тимотиюс* аст, ки *фарзанди ҳақиқӣ дар имон (дар* соҳаи *имон)* номида шудааст. Ин метавонад ишора ба он бошад, ки Тимотиюс ба воситаи хизмати расул наҷот ба даст овард, аз афташ, ҳангоме ки вай бори аввал ба Лустра омада буд (Аъм. 14,6-20). Аммо ҳангоми хондани Амалҳои Расулон таассуроте ҳосил мешавад, ки ҳангоми бо Павлус шинос шудан Тимотиюс аллакай масеҳӣ буд (Аъм. 16,1.2). Дар ин маврид ифодаи *«фарзанди ҳақиқӣ дар имон»* маънои онро дорад, ки Тимотиюс худи ҳамон сифатҳои рӯҳонӣ ва ахлоқиро дошт, ки Павлус доро буд; вай фарзанди *ҳақиқии* расул буд, чунки дар хислатҳои онҳо монандии оилавӣ дида мешуд.

Сток менависад: «Хушбахт аст он масеҳии ҷавон, ки чунин роҳбар дорад, ва хушбахт аст масеҳии роҳбар, ки «тирдони худро» бо чунин фарзандони «ҳақиқӣ» пур кардааст!»

Дуруди анъанавӣ дар мактубҳои Аҳди Нав – файз ва осоиш мебошад. Дар Номаҳои 1 ва 2 ба Тимотиюс, дар Нома ба Титус ва дар Номаи 2 Юҳанно он то *файз, марҳамат ва осоиш* васеъ карда шудааст. Ҳамаи ин чор нома на ба ҷамоатҳо, балки ба одамони мушаххас навишта шуда буданд, ва сабаби илова шудани *марҳамат* ҳамин аст.

*Файз* маънои ҳамаи захираву имкониятҳои Худоро дорад, ки ба масеҳӣ барои зиндагӣ ва хизмат даркоранд. *Марҳамат* ифодакунандаи дилсӯзӣ ва ғамхорӣ нисбати муҳтоҷон ва бисёр шикаст мехӯрдагон аст. *Осоиш* маънои осудагии ботиниро дорад, ки ҳангоми дар ҳама чиз ба Худо таваккал намудани масеҳӣ меояд. Ин се баракат *аз ҷониби Падари мо Худо ва Худованди мо Масеҳ Исо* бармеоянд. Павлус оид ба Масеҳ ҳамчун бо Падар баробар сухан ронда, онро дар назар дорад, ки Ӯ Худо аст. Ибораи *Худованди мо Масеҳ Исо* онро таъкид мекунад, ки Ӯ Соҳиби мост. Дар ҳоле ки калимаи «Наҷотдиҳанда» дар Аҳди Нав 24 бор вомехӯрад, калимаи «Худованд» 522 бор зикр мешавад. Аз ин маълумоти ҳисоббарорӣ ҳар яки мо бояд шахсан барои худ хулоса барорад.

## II. АМР БА ТИМОТИЮС (1,3-20)

### A. Амри ба хомӯшӣ маҷбур намудани муаллимони дурӯғин (1,3-11)

**1,3** Пурра имконпазир менамояд, ки Павлус пас аз маҳбусии якуми румии худ ҳамроҳи Тимотиюс аз Эфесус дидан намуд. Расул ба Мақдуния равона шуда, ба Тимотиюс амр кард, ки як муддат дар Эфесус бимонад, то ба масеҳиён Каломи Худоро таълим диҳад ва онҳоро аз муаллимони дурӯғин ҳимоя намояд. Павлус аз Мақдуния, эҳтимол, ба ҷануб, ба Қуринтус рафт, ва хеле имконпазир аст, ки мактуби якумро ба Тимотиюс аз ин шаҳр навишт. Дар ояти 3 расул амалан мегӯяд: «Ҳамон насиҳатҳоеро, ки ҳангоми аз *Мақдуния* рафтанам ба ту дода будам, *ки дар Эфесус монӣ,* ҳоло ҳам такрор мекунам». Аз ин набояд хулоса кард, ки Тимотиюс дар ҷамоати Эфесус ҳамчун усқуф таъйин шуда буд. Матн барои ин гуна хулосабарориҳо ҳеҷ асосе намедиҳад. Не, хизматгузории вай дар ин ҷо муваққатӣ буд, вай аъзоёни муайяни ҷамоатро *насиҳат* медод, ки таълимоти зиддимасеҳӣ ё таълимотеро, ки гӯё онро пурра мекунад, таълим надиҳанд. Ин ҷо асосан сухан дар бораи таълимоти дурӯғини шариатдонон ва гностикҳо меравад. Агар Тимотиюсро васвасаи аз ин мушкилот фирор намудан фаро гирад, Павлус ба вай амр медиҳад, ки кори саркардаашро тарк накунад.

**1,4** Павлус ҳамчунин Тимотиюсро даъват мекард, ки ба ин одамон амр кунад, то *ба қиссаҳо ва насабномаҳои бепоён* диққат надиҳанд. Дар рӯзҳои мо ба таври аниқ донистан имкон надорад, ки ин чӣ *қиссаҳо ва насабномаҳои бепоён* буданд. Баъзеҳо онҳоро бо достонҳое ки дар байни баъзе муаллимони яҳудӣ пайдо шуда буданд, алоқаманд мекунанд. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ин ҷо асотирҳо ва насабномаҳои гностикҳо дар назар дошта шудаанд. Он факт аз аҳамият холӣ нест, ки ба фирқаҳои ҳозиразамон ҳамон хусусиятҳо хос мебошанд. Оид ба асосгузорони таълимоти дурӯғин бисёр достонҳои аҷоиб бунёд шудаанд, насабномаҳо бошанд дар мормонизм аҳамияти калон доранд.

Ин гуна мавзуъҳои бефоида фақат саволҳоро ба миён меоранд ва дар ақлҳои одамон шубҳаҳоро бедор мекунанд. Онҳо *на ба ободии хонаи Худо, ки дар имон аст, оварда*

*мерасонанд*. Тамоми нақшаи наҷот аз тарафи Худо муқаррар карда шудааст, то дар дилҳои одамон на шубҳаҳо ва *баҳсҳо,* балки *имонро* бедор намояд. Одамон дар ҷамоати Эфесус ба ҷои диққат додан ба чунин мавзуъҳои бефоида ба монанди *қиссаҳо ва насабномаҳо* мебоист худро ба паҳн намудани ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳӣ, ки боиси шубҳаҳо не, балки имон мешаванд, мебахшиданд.

**1,5** *Мақсади ин фармуда муҳаббат аст.* Павлус мегӯяд, ки мақсади амре ки вай ҳамин ҳозир ба Тимотиюс додааст – на танҳо ҳимояи имони ҳақиқӣ, балки ҳамчунин дар одамон бедор намудани *муҳаббат аз дили соф ва виҷдони нек ва имони бе дурӯягӣ* аст. Ҳамаи ин ҳамеша аз пайи Хушхабар меояд, дар ҳар ҷое ки он мавъиза карда шавад.

*Муҳаббат,* бешубҳа, муҳаббатро ба Худо, ба одамони дигар ва ба тамоми ҷаҳон дар бар мегирад. Он *бояд аз дили соф* ҷорӣ шавад. Диле ки бо гуноҳ олоиш ёфтааст, аз эҳтимол дур аст, ки муҳаббати ҳақиқии масеҳиёна зоҳир карда тавонад. Ин муҳаббат ҳамчунин бояд махсули *виҷдони нек* бошад, яъне виҷдоне ки бо ҷиноятҳо бар зидди Худо ва одамон гаронбор нашудааст. Ва ниҳоят, ин муҳаббат бояд натиҷаи *имони бе дурӯягӣ,* имони самимӣ, бе сохтакорӣ ва вонамудсозӣ бошад.

Таълимоти дурӯғин самарҳоеро, ки ин ҷо Павлус номбар кардааст, оварда наметавонанд; машғулият бо қиссаҳо ва насабномаҳои бепоён низ боиси ин самарҳо намешаванд. Танҳо таълимот оид ба файзи Худо боиси *дили соф ва виҷдони нек ва имони бе дурӯягӣ* мешавад ва аз ҳамин сабаб натиҷааш *муҳаббат* аст.

Ояти 5 ба мо калидро барои муайян намудани ҳаққонияти таълимот медиҳад: оё он ҳамин самарҳоро меорад?

**1,6** Чунин шахсоне низ буданд, ки аз ҳамаи ин, яъне аз муҳаббат аз дили соф ва виҷдони нек ва имони бериё *баргаштанд*. Ибораи *«моил шудаанд»* метавонад маънои онро дошта бошад, ки онҳо ё нодуруст ба нишон гирифтанд, ё тирашон бархато рафт. Ин ҷо, бешубҳа, якумаш дар назар дошта шудааст. Мушкилӣ дар он аст, ки ин одамон на танҳо ба ҳамаи ин сифатҳо нарасидаанд, балки ҳатто барои он кӯшиш ҳам накардаанд. Дар натиҷа онҳо *ба беҳудагӯӣ моил шудаанд*. Мавъизаи онҳо бемаъно буд, он ба ҳеҷ чиз оварда намерасонд; он натавонист одамонро муқаддас гардонад.

Павлус дар ин нома бисёр вақт ибораи *«баъзе касон»*-ро истифода мебарад. Ҳангоме ки вай ба Тимотиюс номаи якумро менавишт, муаллимони дурӯғин дар ҷамоат ақаллият буданд. Ба 2Тимотиюс гузашта, мо мебинем, ки ибораи «баъзе касон» аллакай нақши муҳиме надорад. Таносуби қуввaҳо дигаргун шуд. Аз дин баргаштан қисми зиёди масеҳиёнро фаро гирифт. Ақаллият аз афташ ба аксарият мегузашт.

**1,7** Муаллимони дурӯғин, ки дар оятҳои пештара зикр шуда буданд, шариатдононе буданд, ки яҳудият ва масеҳиятро, шариат ва файзро бо ҳам омехтанӣ буданд. Онҳо мегуфтанд, ки барои наҷот танҳо имон ба Масеҳ кофӣ нест. Онҳо таъкид мекарданд, ки мардон бояд хатна карда шаванд ва ё шариати Мусоро ба кадом як навъи дигар риоят намоянд. Онҳо таълим медоданд, ки шариат барои масеҳӣ дастури ҳаётӣ мебошад.

Ин таълимоти дурӯғин Ҷамоатро дар тамоми давраи мавҷудияташ шиканҷа медод, ва ҳоло низ занги он бо муваффақият асосҳои масеҳиятро хӯрда мекунад. Дар шакли ҳозиразамони худ он изҳор дорад, ки агарчи барои наҷот бояд ба Масеҳ имон овард, одам ҳамчунин бояд таъмид ёбад ё узви ҷамоати маҳаллӣ шавад, шариатро риоят намояд ё гуноҳҳоро пеши коҳин эътироф намояд, даҳяк диҳад ва ё дигар ягон хел «корҳои нек» кунад. Ҳамаи онҳое ки ин шариатпарастии ҳозиразамонро таълим медиҳанд, дарк намекунанд, ки наҷот ба воситаи имон ба Масеҳ бе ягон хел корҳои шариат дода мешавад. Онҳо дарк намекунанд, ки корҳои нек на сабаби наҷот ёфтан, балки натиҷаи он мебошанд. Корҳои нек касро масеҳӣ карда наметавонанд, балки вай онҳоро барои он мекунад, ки аллакай масеҳӣ шудааст. Онҳо намебинанд, ки дастур барои ҳаёти имондор на шариат, балки Масеҳ аст. Онҳо намефаҳманд, ки зери шариат буда, ҳамзамон зери лаънат набудан имкон надорад. Шариат ҳамаи онҳоеро, ки фармонҳои муқаддаси онро аз ягон ҷиҳат риоят намекунанд, маҳкум менамояд. Ҳеҷ як одам тавон надорад, ки шариатро пурра риоят намояд, бинобар ин ҳама ба марг маҳкум мебошанд. Аммо Масеҳ масеҳиёнро аз лаънати шариат фидя дода халос кард, чунки барои мо лаънат шуд.

Расул дар бораи ин *муаллимони* номниҳод мегӯяд, ки *он чи мегӯянд ва он чи* бо

чунин дилпурӣ *даъво мекунанд, намефаҳманд.* Онҳо оид ба шариат оқилона муҳокима ронда наметавонистанд, чунки мақсади дода шудани он ва муносибатҳои байни он ва масеҳиро намефаҳмиданд.

**1,8** Павлус комилан равшан изҳор менамояд, ки шариат худ аз худ бад нест. «Бинобар ин шариат муқаддас аст, фармуда муқаддас, одилона ва нек» (Рум 7,12). Аммо шариат бояд *ба дурустӣ* истифода шавад. Он на ҳамчун воситаи ба даст овардани наҷот дода шуда буд (Аъм. 13,39; Рум. 3,20; Тал. 2,16.21; 3,11). Шариатро *ба дурустӣ ба кор бурдан* – онро чунон истифода бурдан аст, ки шунавандагон гуноҳкор будани худро дарк намоянд. Аммо онро ҳамчун воситаи ба даст овардани наҷот ва чун дастур барои ҳаёт пешкаш кардан мумкин нест.

Гай Кинг ба се дарсе ишора менамуд, ки шариат бояд диҳад: «Мо бояд ба ҷо оварем. Мо ба ҷо наовардаем. Мо ба ҷо оварда наметавонем». Пас аз он ки шариат дар ҳаёти гуноҳкор ба таври бояду шояд амал намояд, гуноҳкор тайёр мешавад, то ба Худо муроҷиат намояд: «Худовандо, маро бо файзи Худ наҷот деҳ!»[2] Онҳое ки таълим медиҳанд, гӯё шариат барои наҷот ё муқаддасшавӣ лозим аст, дар ақидаҳои худ пайдарҳамӣ надоранд. Онҳо мегӯянд, ки агар масеҳӣ шариатро вайрон кунад, вайро аз ҳаёт маҳрум кардан лозим нест. Аммо ин эътибори шариатро паст мекунад. Шариат бе ҷазо – ҳамагӣ насиҳати нек аст.

**1,9** *Шариат на барои росткор дар миён гузошта шудааст.* Агар одам росткор бошад, шариат ба вай даркор нест. Бо масеҳӣ ин айнан ҳамин тавр аст. Ҳангоме ки вай бо файзи Худо наҷот ёфтааст, Даҳ Фармуда набояд вайро ба ҳаёти муқаддас маҷбур намоянд. На тарси ҷазо масеҳиро водор менамояд, ки ҳаёти муқаддас ба сар барад, балки муҳаббат ба Наҷотдиҳанда, ки барои вай дар Ҷолҷолто мурд.

Сипас расул он типи одамонеро тасвир мекунад, ки шариат маҳз барои онҳо дода шуда буд. Бисёр илоҳиётшиносон бо худи Даҳ Фармуда робитаи наздик доштани ин тасвирро зикр намудаанд. Даҳ Фармуда ба ду қисм ҷудо мешаванд: чор фармуда аввал ба ухдадориҳои одам дар назди Худо муносибат доранд (худотарсӣ), шаш фармудаи боқимонда оид ба уҳдадории вай дар назди ёри худ (росткорӣ) мегӯянд. Ба ақидаи мо, суханони зерини Павлус ба қисми якуми Даҳ Фармуда мувофиқат мекунанд: *«барои бадкорон ва саркашон, худонотарсон ва гуноҳкорон, нопокон ва худобехабарон ...»* Ифодаи *«барои одамкушон»* ба ҳукми шашум ишорат менамояд: «Қатл накун». Одамкушон гуфта на оне ки дигареро тасодуфан куштааст, балки қотилони хунсард дар назар дошта шудаанд.

**1,10** Калимаҳои *«фосиқон, бачабозон»* ҳетеросексуалистони бадахлоқ ва ҳомосексуалистонро тасвир мекунанд. Ин ҷо ин суханон бо ҳукми ҳафтум алоқаманд мебошанд: «Зино накун». Зикри *одамдуздон* возеҳан ба ҳукми ҳаштум муносибат дорад: «Дуздӣ накун». Калимаҳои *«дурӯғгӯён, савгандшиканон»* бо ҳукми нӯҳум алоқаманд ҳастанд: Бар зидди ёри худ шаҳодати бардурӯғ ба забон наовар.

Суханони хотимавии *«ва барои ҳар амале ки бар хилофи таълимоти солим аст»* бо фармудаи даҳум алоқаи бевосита надоранд. Онҳо ба ҳамаи фармудаҳо ишорат мекунанду онҳоро ҷамъбаст менамоянд.

**1,11** Бо ояти пешина чӣ гуна алоқаманд будани ин оятро ҳал намудан он қадар осон нест. Он метавонад чунин маъно дошта бошад, ки таълимоти солими дар ояти 10 зикршуда *«аз рӯи Инҷил»* аст. Ё он метавонад чунин маъно дошта бошад, ки ҳама чизе ки Павлус оид ба шариат дар оятҳои 8-10 гуфтааст, бо Хушхабар пурра мувофиқат мекунад. Ё, дар охир, он метавонад чунин маъно дошта бошад, ки суханони Павлус оид ба муаллимони дурӯғин дар оятҳои 3-10 бо *Инҷил* мувофиқат мекунанд. Агарчи Инҷил худ аз худ, бешубҳа, *пурҷалол* аст, задаи асосӣ дар ин ҷо, аз афташ, ба факте гузошта мешавад, ки он оид ба *ҷалоли Худо* нақл мекунад. Он нақл мекунад, ки Ҳамон Худое ки қуддус, росткор ва одил мебошад, дар айни замон Худои файз марҳамат ва муҳаббат аст. Муҳаббати Ӯ он чизеро дод, ки қуддусияти Ӯ талаб мекард, ва акнун онҳое ки Худованд Исоро қабул мекунанд, ҳаёти ҷовидонӣ пайдо мекунанд.

Ин ҳамон *Инҷил аст, ки* ба расул *супурда шуда* буд. Дар маркази он Худованд Исои ҷалолёфта истодааст, ва Павлус ба одамон мегӯяд, ки Ӯ на танҳо Наҷотдиҳанда, балки Худованд низ ҳаст.

### Б. Шукргузорӣ барои файзи ҳақиқии Худо (1,12-17)

**1,12** Дар оятҳои пештара Павлус тасвир намудани муаллимони дурӯғинро, ки ба масеҳиёни Эфесус шариатро бор карданӣ мешуданд, сар кард. Ин ба вай ёдрас намуд, ки чӣ тавр худаш бозгашт намуда буд. Он на ба воситаи риояи шариат, балки бо файзи Худо ба амал омад. Расул на росткор, балки гуноҳкори калонтарин буд. Таассуроте ҳосил мешавад, ки оятҳои 12-17 намунаи истифодаи дурусти шариатро аз таҷрибаи шахсии Павлус меоранд. Шариат барои вай на воситаи наҷот, балки воситаи дар гуноҳ фош намудан буд.

Пеш аз ҳама вай ба *Исои Масеҳ* барои файзи ваколатдоркунандаи Ӯ шукргузорӣ мекунад. Дар маркази диққат на он корест, ки Шоул аз Тарсус барои Худованд кард, балки он чи Худованд барои вай кард. Расул пайваста аз он дар ҳайрат буд, ки Худованд на танҳо вайро наҷот дод, балки *боваринок дониста, ба хизматгузорӣ таъйин намуд*. Шариат ҳеҷ гоҳ ин гуна файзро зоҳир карда наметавонист. Шартҳои шахшудаи он Шоули гуноҳкорро ба марг маҳкум мекарданд.

**1,13** Яқин аст, ки Павлус пеш аз бозгашт намудан Даҳ Фармударо вайрон кардааст. Ӯ оид ба худ мегӯяд, ки *пештар куфргӯ ва таъқибкунанда ва озордеҳ* буд. Ҳамчун *куфргӯ* вай оид ба масеҳиён ва Сарвари онҳо, Исо, бадгӯӣ мекард. Ҳамчун *таъқибкунанда* вай кӯшиш мекард, ки масеҳиёнро ба қатл расонад, зеро дар ин фирқаи нав таҳдидеро ба яҳудия медид. Ҳангоми амалӣ намудани нақшаи бадкирдоронаи худ вай дар зӯроварӣ ва бедодгариҳо нисбати масеҳиён лаззат меёфт. Агарчи дар тарҷумаи тоҷикӣ ин аён нест, аммо дар ин се калима *«куфргу ва таъқибкунанда ва озордеҳ»* афзудани бадӣ ифода ёфтааст. Гуноҳи якум ҳақорати забонӣ аст. Гуноҳи дуюм азоберо тасвир мекунад, ки бар дигарон ба сабаби ақидаҳои диниашон фурӯ мерезад. Гуноҳи сеюм бошад аллакай тобиши бераҳмӣ ва зӯровариро дорад.

*Лекин* Павлус *сазовори марҳамат гардида* буд. Вай ба ҷазое ки сазовор буд, гирифтор нашуд, *чунки аз рӯи нодонӣ, дар беимонӣ амал* мекард. Масеҳиёнро таъқиб намуда, вай чунин меҳисобид, ки ба Худо хизмат мекунад. Азбаски дини аҷдодонаш ибодати Худои ҳақиқиро таълим медод, вай наметавонист ба хулосае наояд, ки имони масеҳӣ мухолифи Яҳуваи Аҳди Қадим аст. Масеҳиёнро кушта, Павлус ғайратмандона ва бо тамоми қувва мекӯшид шарафи Худоро ҳимоя кунад.

Бисёриҳо изҳор мекунанд, ки ғайрат, самимият, саъю кӯшиш дар назари Худо арзиши зиёд доранд. Аммо мисоли Павлус нишон медиҳад, ки як худи ғайрат кифоя нест. Гузашта аз ин, агар одам ноҳақ бошад, ғайраташ ин ноҳақиро вазнинтар мекунад. Ғайрати вай ҳар қадар пурзӯртар бошад, зарари расондааш ҳамон қадар зиёд аст!

**1,14** Павлус на танҳо аз ҷазои сазовор барканор монд (марҳамат), балки бар вай ба таври фаровон некӯӣ *(файз)* фурӯ рехт. Он ҷое ки гуноҳ фаровон буд, файз фаровон шуд (Рум. 5,20).

Суханони зерин ба он далолат мекунанд, ки ба Павлус дода шудани *файзи Худованд* беҳуда набуд: *«бо имон ва муҳаббате ки дар Исои Масеҳ аст»*. Ин калимаҳо, албатта, метавонистанд маънои онро дошта бошанд, ки чунон ки сарчашмаи файз дар Худованд ниҳон аст, айнан ҳамин тавр имон ва муҳаббат низ дар Ӯ ибтидо мегиранд. Аммо маънои оят он гоҳ равшантар мегардад, ки мо ин суханонро ҳамчун ишора ба он факт шуморем, ки Павлус файзи Худоро рад накард, балки бо имон ба Худованд Исо ва бо муҳаббат ба Қуддусе ки чанде пеш бад медид, ба он ҷавоб дод.

**1,15** Аз панҷ «сухани дуруст»-и номаҳои шубонӣ ин аввалин аст. Ин *сухан дуруст* аст, чунки он Каломи Худоест, ки Ӯ наметавонад дурӯғ гӯяд ва хато кунад. Одамон метавонанд бе шакку шубҳа ба Ӯ такя кунанд. Гузашта аз ин, ба Ӯ бовар накардан беақлӣ ва аблаҳист. Он *сазовори қабули куллӣ* аст, чунки ба ҳама дахл дорад; оид ба он чи Худо барои ҳама кардааст, нақл мекунад; туҳфаи наҷотро ба ҳама пешкаш мекунад.

Калимаҳои *«Исои Масеҳ»* (дар асл «Масеҳи Исо») таъкид менамоянд, ки Худованди мо Худост. Оне ки аз осмон ба замин омад, пеш аз ҳама Худо *(Масеҳ),* ва пас аз он Одам *(Исо)* буд. Суханони *«ба дунё омад»* ба мавҷудияти абадии Наҷотдиҳанда ишора мекунанд. Байт-Лаҳм ибтидои мавҷудияти Ӯ набуд. Ӯ аз азал бо Худо Падар мезист, аммо бо супориши махсуси Ӯ ба ҷаҳон ҳамчун Одам омад. Шаҳодати омадани Ӯро дар тақвимамон пайдо мекунем:

Ҳозир соли 20..-уми солшумориест, ки дар соли зода шудани Ӯ сар шуд. Ӯ барои чӣ омад? *То гуноҳкоронро наҷот диҳад.* На барои он ки одамони ҳалолкорро наҷот диҳад (чунки ин гуна одамон вуҷуд надоранд!). Ва на барои наҷот додани онҳое ки шариатро пурра риоя кардаанд (чунки ҳеҷ кас инро накардааст).

Ин ҷо мо ба худи асли фарқи масеҳияти ҳақиқӣ аз ҳамаи дигар таълимотҳо наздик мешавем. Динҳои дурӯғин ба одамон мегӯянд, ки чизе ҳаст, ки вай метавонад кунад ё метавонад шавад, то ки ба ҳусни таваҷҷӯҳи Худо ноил шавад. Хушхабар ба одам мегӯяд, ки вай гуноҳкор аст, ҳалокшуда аст, худаш худро наҷот дода наметавонад ва ягона роҳ ба сӯи осмон ба воситаи дар салиб барои гуноҳҳои вай мурдани Худованд Масеҳ аст. Таълими шариат, ки Павлус дар ин боб тасвир намудааст, ба ҷисм ҷой медиҳад. Он ба одам чизеро мегӯяд, ки вай шунидан мехоҳад, ва маҳз онро, ки вай метавонад дар наҷот ёфтани худ ҳиссагузор бошад. Аммо Хушхабар таъкид мекунад, ки тамоми ҷалол барои кори наҷот бояд танҳо ба Масеҳ тааллуқ дошта бошад, ва одам фақат гуноҳ карда метавонад, ва тамоми наҷотро аз аввал то охир Худованд Исо ба амал меорад.

Рӯҳи Худованд Павлусро ба донистани он овард, ки вай *бадтарини* гуноҳкорон аст, ё мувофиқи тарҷумаҳои дигар, гуноҳкори асосӣ аст. Агар вай гуноҳкори асосӣ набошад ҳам, бешубҳа, дар қатори аввали онҳо буд. Аҳамият диҳед, ки унвони «гуноҳкори асосӣ» на ба одами дар бутпарастӣ ва фисқу фасод ғӯтида, балки ба фарзанди оилаи муътақиди яҳудӣ, ба одами ниҳоят худотарс дода шудааст! Гуноҳи вай ба таълимоти динӣ дахл дошт; вай Каломи Худоро оид ба Шахсият ва кори Исои Масеҳ қабул накард. Рад кардани Писари Худо азимтарини гуноҳҳост.

Бояд зикр кард, ки Павлус мегӯяд: *«ман бадтарини онҳо ҳастам»*, на ин ки «будам», балки *«ҳастам»*. Тақводортарин муқаддасон гуноҳолуд будани худро аз ҳама амиқтар ҳис мекунанд.

Дар 1Қуринтиён 15,9 (ки дар соли 57-уми милодӣ навишта шудааст) Павлус худро хурдтарини расулон номидааст. Дертар дар Эфесусиён 3,8 (ки тақрибан дар соли 60-уми милодӣ навишта шудааст) вай худро «хурдтарини ҳамаи муқаддасон» номидааст. Акнун дар 1Тимотиюс 1,15, ки пас аз якчанд сол навишта шудааст, вай худро *бадтарини гуноҳкорон* меномад. Бо ин ба мо аёнан рушди Павлус дар фурӯтании масеҳиёна нишон дода шудааст.

Ибораи *«аввалини гуноҳкорон»,* чунон ки баъзеҳо тарҷума мекунанд, маънои онро надорад, ки Павлус бадтарини гуноҳкорони ҳамаи замонҳо буд, балки онро дар назар дорад, ки вай вобаста ба халқи яҳудӣ якум буд. Дигар хел карда гӯем, бозгашт кардани вай нишонаи беҳамтои дар оянда бозгашт намудани халқи Исроил буд. Вай «тифли хом»-и пеш аз вақт зодашуда буд (1Қур. 15,8) ба он маъное ки то растохези халқи худ аз олами боло зода шуд. Азбаски Павлус ба воситаи ваҳйи бевосита аз осмон наҷот ёфта буд, пас, пурра имконпазир аст, ки бақияи яҳудӣ низ ҳамин тавр ҳангоми мусибати бузург наҷот дода мешавад. Ин тафсир аниқтараш аз калимаҳои «аввал» ва «намуна»-и ояти 16 пайдо шудааст.

**1,16** Аз ин маълум мегардад, ки чаро Павлус афв карда шуд. Вай барои он наҷот ёфта буд, ки бо худ *пурсабрии Масеҳро* зоҳир намояд. Чунон ки як замоне вай гуноҳкори асосӣ буд, акнун вай намунаи асосии файзи пурсабри Худованд аст. Чунон ки Вилям Келлӣ гуфтааст, вай намунаи зинда, *«далели асосноктарини муҳаббати илоҳист, ки аз ашаддитарин нафрат афзунтар аст, намунаи пурсабрии илоҳӣ, ки зиддияти ихтироъкоронатарин ва шадидтаринро бартараф мекунад»*.[3]

Он чи бо Павлус рӯй дод, *намуна* аст. Бозгашт намудани вай намунаи он аст, ки Худо бо халқи Исроил хоҳад кард, ҳангоме ки аз Сион Раҳокунанда меояд (Рум. 11,26).

Маънои умумитари ин оят дар он аст, ки ҳеҷ кас, ҳар қадар дар бадӣ чуқур ғӯтида бошад ҳам, бояд рӯҳафтода нашавад. Онҳо дар он тасалло ёфта метавонанд, ки агар Худо гуноҳкори асосиро наҷот дода бошад, пас, онҳо низ метавонанд бо тавба назди Ӯ омада, файз ва марҳамат пайдо кунанд. Ба воситаи имон ба Масеҳ онҳо метавонанд *ҳаёти ҷовидонӣ* ба даст оранд.

**1,17** Бо андеша оид ба он ки Худо дар файзи Худ бо вай чӣ гуна рафтор намуд, Павлус бо сухангӯии олидараҷа парастиш мекунад. Гуфтан душвор аст, ки ин ба Худо Падар равона шудааст ё ба Худованд Исо. Чунин менамояд, ки ибораи *«Подшоҳи абадӣ»* ба Исо ишора мекунанд, зеро маҳз Ӯ Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон номида шудааст (Ваҳй

19,16). Калимаи *«нонамоён»* бошад аниқтараш ба Падар дахл дорад: охир, Худованд Исо ба чашми одамон намоён буд. Кадом шахсияти Ваҳдати Сегона дар назар дошта шуданашро аниқ карда натавонистани мо ҳамчун ишора ба ягонагии комили онҳо хизмат карда метавонад.

Оид ба Подшоҳи абадӣ пеш аз ҳама чун оид ба *нобуднашаванда,* яъне дигарнашаванда, ё ин ки нагузаранда гуфта мешавад. Худо аз ҷиҳати асл низ *нонамоён* аст. Одамон дар Аҳди Қадим зоҳиршавии Худоро дида буданд, ва Худованд Исо ба тамоми пуррагӣ дар шакли намоён Худоро ба мо зоҳир намуд, аммо факт факт аст: Худи Худо барои чашми одам нонамоён аст. Сипас оид ба Ӯ ҳамчун оид ба *Худои яктои* пурҳикмат сухан меравад. Тамоми ҳикмат дар ниҳояти кор аз Худо бармеояд (Яъқ. 1,5).

## B. Такрори амр ба Тимотиюс (1,18-20)

**1,18** *Насиҳате* ки ин ҷо зикр мешавад, бешубҳа, амрест, ки Павлус ба Тимотиюс дар оятҳои 3 ва 5 медиҳад, то муаллимони дурӯғинро танбеҳ диҳад. Расул фарзанди худ Тимотиюсро ҳангоми иҷрои ин вазифаи муҳим рӯҳбаланд карданӣ шуда, ба вай оид ба шароите ёдрас мекунад, ки боиси хизмати масеҳии вай шудаанд.

*«Мувофиқи пайғамбариҳое ки пештар дар ҳаққи ту шуданд»,* аниқтараш, маънои онро дорад, ки пеш аз шиносоии Павлус бо Тимотиюс дар ҷамоат пайғамбаре бархоста эълон карда буд, ки Худованд Тимотиюсро дар хизматгузории Худ истифода хоҳад бурд. Пайғамбар хабаррасони Худо буд, ки ваҳйи хости Худоро оид ба ягон намуди муайяни фаъолият қабул намуда, ин ваҳйро ба ҷамоат расонида буд. Аз афташ, дар баъзеи ин гуфтаҳои пайғамбарона Тимотиюси ҷавон махсус ҷудо карда шуда, ҳамин тариқ нақши ояндаи вай ҳамчун хизматгори Исои Масеҳ маълум шуда буд. Агар ягон вақт васвасаи дар меҳнат барои Худованд рӯҳафтода ва ноумед шудан ояд, вай бояд ин пайғамбариҳоро ба ёд оварда, аз онҳо илҳом гирад ва *дар набарди нек ҷанг* кунад.

**1,19** Ҷангида истода, вай бояд *имон ва виҷдони нек дошта* бошад. Барои масеҳӣ кофӣ нест, ки танҳо пайрави таълимоти динии дуруст бошад. Имкон дорад, ки кас хеле мӯътақид буда, дар айни ҳол *виҷдони нек* надошта бошад.

Ҳамилтон Смит менависад:

*Ҳамаи онҳое ки боистеъдод буда, ҳамеша дар пеши назар ҳастанд, бояд ҳушёр бошанд, вагарна онҳо дар байни даъватҳои зиёд, мавъизаҳои доимӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ дар назди одамон ҳаёти порсоёнаи аз назарҳо ниҳонро сарфи назар намуда сар мекунанд. Оё Навишта моро огоҳ намесозад, ки бо тамоми хушбаёнии инсонӣ ва малоикавӣ мавъиза карда, бо вуҷуди ин ҳеҷ будан имкон дорад? Танҳо ҳаёти порсоёна барои Худо самар меорад ва соҳиби мукофоти бузург мегардад, ва ҳама гуна хизматгузории ҳақиқӣ бояд маҳз аз ҳамин ҷой сарчашма гирад.*[4]

Баъзе ҳамзамонони Павлус виҷдони некро дур андохтанд ва аз ҳамин сабаб дар он чи ба *имон* дахл дорад, *киштиашон ғарқ* шудааст. Онҳо ба баҳрнаварди бефаросат монанд ҳастанд, ки қутбнаморо ба баҳр партофтааст.

Онҳое ки *киштии имонашон ғарқ шудааст*, масеҳиёни ҳақиқӣ буданд, аммо ҳассосияти виҷдонро нигоҳ надоштанд. Ибтидои ҳаёти масеҳиёнаи онҳо ба киштии боазамате монанд буд, ки ба баҳри кушод мебарояд, аммо ба ҷои он ки бо байрақҳои барафрошта ва бори пурқимат ба бандар баргарданд, онҳо ба харсангҳо бархӯрда, ба худ ва шаҳодати худ шармандагӣ оварданд.

**1,20** Мо намедонем, ки оё *Ҳименоюс* ва *Искандар* ҳамон касони дар 2 Тимотиюс 2,17 ва 4,14 зикршуда ҳастанд ё не. Мо табиати куфргӯии онҳоро низ намедонем. Ин ҷо ба мо танҳо он гуфта шудааст, ки онҳо хабари хушро рад карда, куфр мегуфтанд. Дар Аҳди Нав «куфр гуфтан» на ҳамеша маънои дар ҳаққи Худо бадгӯӣ карданро дорад.[5] Ин калима барои тасвири дар ҳаққи одамони дигар суханони таҳқиромез ва бад гуфтан низ истифода мешавад. Он метавонад ҳам ҳаёти ин одамонро ва ҳам суханони онҳоро баҳо диҳад. Дар имон дучори ғарқшавии киштӣ шуда, онҳо бешубҳа, барои суханони нописандона гуфтан оид ба роҳҳои ҳақиқат баҳонае доданд, ва ҳамин тариқ, тамоми ҳаёти онҳо куфргӯӣ гардид.

Фоҷиаи онҳо – фоҷиаи масеҳиёнест, ки як замоне хизматгузорони оличаноб ва бомуваффақияти Худо буданд, аммо виҷдони

худро ба хомӯшӣ маҷбур карда, ба иштибоҳ майл кардаанд.

Расул мегӯяд, ки *онҳоро ба шайтон супурдааст.* Баъзе илоҳиётшиносон дар ин калимаҳо ишораи одиро ба дур кардан аз ҷамоат мебинанд. Мувофиқи ақидаи онҳо, Павлус ин ду нафарро аз ҷамоати маҳаллӣ ронд, ва мақсади ин амали вай онҳоро ба тавба водор намудан ва онҳоро дар мушоракат бо Худо ва бо халқи Ӯ барқарор кардан буд. Мушкилӣ дар он аст, ки аз ҷамоат рондан яке аз вазифаҳои ҷамоати маҳаллӣ буд, на вазифаи расул. Дар 1Қуринтиён 5 Павлус зинокорро худаш аз ҷамоат дур накард, балки инро ба қуринтиён маслиҳат дод.

Дуюмин тафсири бештар паҳншудаи ин ҷой чунин аст: танҳо расулон *ба шайтон супурдан* метавонистанд, ки барои ин қудрати махсус доштанд, ва ин имрӯзҳо аллакай зоҳир намешавад, чунки расулон нестанд. Тарафдорони ин тафсир изҳор мекунанд, ки расулон қудрате доштанд, ки гуноҳкорро ба шайтон супоранд, ва бо ҳамин вайро ба азобҳои ҷисмонӣ ва дар ҳолатҳои бадтарин ҳатто ба марг гирифтор намоянд, чунон ки дар ҳолати Ҳанониё ва Сафира воқеъ шуд (Аъм. 5,1-11). Мақсади ҷазо дар ин ҷо, аз афташ, ислоҳ кардан буд: *«то ибрат гирифта, дигар куфр нагӯянд».* Ҳамин тариқ, ин ҷо на оид ба лаънати ҷовидонӣ, балки оид ба ҷазо сухан меравад.

## III. НАСИҲАТҲО ОИД БА ҲАЁТИ ҶАМОАТ (2,1–4,16)

### А. Оид ба дуо (2,1-7)

Павлус ба Тимотиюс амри якуми худро, ки ба муаллимони дурӯғин дахл дошт, баён намуд, ва акнун ба мавзуи дуо мегузарад. Ақидае васеъ паҳн шудааст, ки ин оятҳо ба дуо бо овози баланд, дар байни одамон, дахл доранд, аммо дар онҳо чизе нест, ки онро ба андозаи баробар дар ҳаёти дуогӯёнае, ки аз назари дигарон ниҳон аст, ба кор бурдан мумкин набошад.

**2,1** Дуо *барои ҳамаи одамон* ҳам имтиёз ва ҳам уҳдадорӣ аст. Ба ҳузури Худо ба хотири дигарон омадан ҳақиқатан имтиёзи бебаҳост. Аммо ин уҳдадорӣ низ мебошад, чунки мо дар он чи ба Хушхабари наҷот дахл дорад, дар назди ҳама қарздор ҳастем.

Расул чор ҷиҳати дуоро номбар мекунад: *илтимосҳо, дуоҳо, шафоатҳо ва шукронаҳо.* Дар байни сетои аввал ҳудуди аниқ гузоштан нисбатан душвор аст. Дар забони имрӯза *илтимос* гуфта, дархости боисрори пурҳарорат дар назар дошта мешавад, аммо ин ҷо, аниқтараш, гап дар бораи илтимоси мушаххас меравад, ки ба эҳтиёҷи мушаххас дахл дорад. Калимае ки дар ин ҷо *«дуоҳо»* тарҷума шудааст, мафҳуми хеле умумӣ аст, ки ҳама намудҳои муроҷиати эҳтиромонаро ба Худо дар бар мегирад. *Шафоатҳо* намуди дархостҳое мебошанд, ки мо бо онҳо барои дигарон ба Худо ҳамчун ба Ҳукмфармо муроҷиат мекунем. *Шукронаҳо* дуоҳое мебошанд, ки дар онҳо мо файз ва марҳамати Худовандамонро ба ёд меорем ва дилҳоямонро дар миннатдорӣ ба Ӯ мекушоем.

Таълимоти ин оятро хулоса намуда, мо гуфта метавонем, ки масеҳиён дар дуоҳо оид ба *ҳамаи* одамон бояд ба ҳузури Худо бо фурӯтанӣ, таъзим, устуворӣ ва шукргузорӣ оянд.

**2,2** Ин ҷо расул *подшоҳон ва ҳамаи ҳукуматдоронро* махсусан зикр мекунад. Барои онҳо дар дуоҳои мо бояд ҷои махсус бошад. Дар ҷойҳои дигар Павлус ёдрас мекунад, ки «ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барпо шудаанд» (Рум. 13,1) ва онҳо хизматгузорони Худо ба фоидаи мо мебошанд (Рум. 13,4).

Агар мо ба хотир оварем, ки ин оят дар замони Нерон навишта шуда буд, он бо тобиши махсусе ҷилвагар мешавад. Масеҳиёнро бераҳмона таъқиб кардани ин ҳокими гуноҳкор ҳеҷ таъсире ба он накардааст, ки масеҳиён бояд барои ҳамаи роҳбарони ҳукуматҳо дуо кунанд. Аҳди Нав таълим медиҳад, ки масеҳӣ бояд ба ҳукумати мавҷуда итоаткор бошад, ба истиснои ҳолатҳое ки ҳукумат ба Худо беитоатӣ карданро фармояд. Дар ин ҳолат қарзи олии вай итоат ба Худост. Масеҳӣ набояд дар инқилобҳо ва амалҳои зӯроварӣ бар зидди ҳукумат иштирок кунад. Вай метавонад ба фармоне ки ба хости Худо мухолиф аст, итоат накунад, сипас оромона ва итоаткорона ҷазоро қабул кунад.

Мувофиқи гуфтаҳои расул, мо бояд оид ба ҳукуматдорон дуо кунем, *то ки ором ва осуда, бо камоли худотарсӣ ва сарбаландӣ умр гузаронем.* Мо фақат бурд мекунем, агар ҳукумат устувор бошад, ва кишварро на инқилобҳо ба ларза оваранд, на ҷангҳои шаҳрвандӣ, на бетартибиҳо ва на беҳокимиятӣ.

**2,3** Оид ба ҳама, аз ҷумла оид ба подшоҳон ва ҳамаи ҳукуматдорон дуо кардани мо *ба Худо хуб ва писандида аст.* Ин худ аз худ *хуб аст* ва ба *Худо, ки Наҷотдиҳандаи мост, писандида аст.* Дар он ки Павлус ин ҷо Худоро Наҷотдиҳанда меномад, маънои амиқе ниҳон аст. Худо мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд. Бинобар ин дуо кардан оид ба ҳама – ба иҷро шудани хости Ӯ аз ин ҷиҳат мусоидат намудан аст.

**2,4** Сипас чизҳои дар ояти 3 гуфташуда фаҳмонида мешаванд. Худо *мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд* (Ҳиз. 33,11; Юҳ. 3,16; 2Пет. 3,9). Бинобар ин мо бояд оид ба *ҳамаи одамон* дар ҳама ҷой дуо гӯем.

Дар ин оят ҷиҳатҳои илоҳӣ ва одамии наҷот баръало намоёнанд. Дар қисми якум дар бораи он гуфта мешавад, ки одам бояд *наҷот* дода шавад. Худи вай инро карда наметавонад, вайро бояд Худо наҷот диҳад. Ин ҷиҳати илоҳии наҷот аст.

Барои ба даст овардани наҷот одам бояд *ба дониши ростӣ расад.* Худо ҳеҷ касро бо зӯрӣ наҷот намедиҳад. Ӯ осмонро бо тобеони исёнкор маскун намекунад. Одам бояд ба ҳузури Он Касе ояд, ки чунин гуфтааст: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам». Ин ҷиҳати одамист.

Аз ин бояд комилан равшан бошад, ки дар ин оят чизе ба нафъи наҷоти ҳамагонӣ далолат намекунад. Худо *мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд,* аммо тамоман на ҳама наҷот хоҳанд ёфт. Оворагардии сиюҳаштсолаи халқи яҳудӣ дар биёбон ба нақшаи ибтидоии Худо дохил намешуд, аммо, бо вуҷуди ин, онҳо ҳамаи ин солҳоро дар он ҷо гузарониданд. Ӯ ба онҳо имкон дод, ки мусофират кунанд, аммо ин тамоман на он пайраҳаи баракате буд, ки Ӯ барои онҳо омода карда буд.

**2,5** Робитаи ин оят бо ояти пешина он қадар равшан нест, аммо бо вуҷуди ин, аз афташ, ин ҷо фикр чунин аст: *Худо яктост,* пас, Ӯ ягона Худои ҳамаи одамон аст ва дуо бояд ба Ӯ барои ҳамаи одамон нигаронида шавад. Ҳамчун Худои ягона Ӯ наҷот ёфтани ҳамаи одамонро мехоҳад. Агар Ӯ яке аз худоҳои бисёр мебуд, пас, барояш танҳо тақдири ихлосмандони худаш аҳамият медошт.

Ба ғайр аз ин, *миёнарав байни Худо ва одамон низ яктост.* Дар ин ҳолат одам ба назди Худо ба таври дигар омада наметавонад. Миёнарав алоқачиест, ки бо ҳар ду тараф робита дорад ва хабарҳои онҳоро ба ҳамдигар мерасонад. Ба воситаи Масеҳ, ки Худ Одам шуд, Худо имкон ба даст овард, ки ба назди одам барои омурзидани гуноҳ биёяд. Дар натиҷа ҳар гуноҳкори бечора ба назди Ӯ омада метавонад, ва Худо Ӯро ба ҳеҷ ваҷҳ рад намекунад.

Мувофиқи суханони Павлус, ин Миёнарав *Масеҳ Исои* одамизод аст. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ илоҳияти Худованд Исоро рад намекунад. Барои *Миёнарави байни Худо ва одамон* шудан Ӯ бояд ҳам Худо ва ҳам Одам бошад. Худо будани Худованд Исо аз худи ҷовидонӣ аст, Одам шудани Ӯ бошад дар охури Байт-Лаҳм воқеъ шуд. Ӯ намояндаи тамоми инсоният аст. Ҳам Худо ва ҳам Одам будани Ӯ дар номи Масеҳ Исо акс ёфтааст. Номи *«Масеҳ»* Ӯро ҳамчун Масҳшудаи Худо муаррифӣ менамояд. *Исо* номест, ки ба Ӯ дар таҷассумшавӣ дода шудааст.

Ин оят ҷавоби хубест ба ҳамаи таълимотҳои имрӯзҳо паҳншуда оид ба он ки миёнарав байни Худо ва одамон Марями бокираи муборак, фариштаҳо ва ё муқаддасон мебошанд. Дар асл бошад миёнарав танҳо яктост, ва номи Ӯ *Масеҳ Исо* аст.

Ояти 5 фикри асосии Аҳди Қадим ва Аҳди Навро мухтасар тасвия мекунад. *Худо ягона аст* хабари асосии Аҳди Қадим мебошад, ки ба Исроил супорида шуда буд; *Миёнарав низ яктост* – хабари асосии Аҳди Нав аст, ки ба Ҷамоат супорида шудааст. Чунон ки Исроил парастиши бутҳоро сар карда, аз уҳдаи вазифаи супоридашуда набаромад, ҳамчунин Ҷамоате ки худро масеҳӣ меномад, аз вазифаҳои худ сарфи назар карда, дигареро миёнарав номид– Марям, муқаддасон, рӯҳониён ва дигаронро.

**2,6** Задаи асосӣ ба он гузошта мешавад, ки Худо мехоҳад, то ҳамаи одамон наҷот ёбанд. Ин ҷо ин ҳақиқат бо ёрии он факт кушода мешавад, ки Масеҳ Исо *Худро чун фидияе барои ҳама дод.* Барои касе *фидия* додан барои озод намудани вай пардохтани миқдори муайяни пул аст. Диққат диҳед, ки *фидия барои ҳама* дода шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки амали дар салиби Ҷолҷолто анҷомдодаи Худованд Исо барои наҷот додани *ҳамаи* гуноҳкорон кофӣ буд. Ин маънои онро надорад, ки ҳама наҷот дода мешаванд, чунки хости одам низ ин ҷо нақши муайянеро мебозад.

Ояти 6 яке аз оятҳои бисёрест, ки таълим медиҳанд, ки Масеҳ барои дигарон мурд.

Ӯ «ба ҷои» бисёриҳо мурд. Масъала танҳо дар он аст, ки оё ҳама инро қабул мекунанд, аммо факт факт аст: аз ҷиҳати арзишнокии худ кори наҷотдиҳандаи Масеҳ *барои ҳама* кофист.

*Ин шаҳодатест, ки дар замони муайян дода шудааст,* яъне шаҳодат оид ба кори ивазкунандаи Масеҳ бояд дар замони муайяншудааш тавлид мешуд. Худи ҳамон Худо, ки мехоҳад, то ҳамаи одамон наҷот ёбанд, ва барои ҳама роҳи наҷотро омода кардааст, муқаррар намудааст, ки Хушхабар дар ҳамон даврае ки мо зиндагӣ мекунем, бояд паҳн шавад. Ҳамаи ин бояд нишон диҳад, ки то чӣ андоза Худо иштиёқ дорад, то инсониятро баракат диҳад.

**2,7** Ҳамчун шаҳодати охирини хоҳиши Худо оид ба наҷот ёфтани инсоният Павлус *воиз ва расул ва муаллими халқҳо таъйин шуданашро* тасвир мекунад. Он вақт, монанди имрӯз, ғайрияҳудиён аксари аҳолии ҷаҳонро ташкил мекарданд. Расул на ба он қисми ками инсоният, ки яҳудиён буданд, фиристода шуда буд, балки ба халқҳои ғайрияҳудӣ.

Павлус худро ҳамчун *воиз, расул ва муаллим* муаррифӣ мекунад. *Воиз* айнан хабаррасонест, ки Хушхабарро эълон мекунад. Аз афташ, вазифаҳои *расул* васеътаранд: вай на танҳо Хушхабарро мавъиза мекунад, балки ҷамоатҳо таъсис медиҳад, ба ҷамоатҳои маҳаллӣ дар масъалаҳои тартиб ва ҷазодиҳӣ дастурҳо медиҳад, суханони вай, ҳамчун суханони фиристодаи Исои Масеҳ эътибори зиёд доранд. *Муаллим* Каломи Худоро чунон маънидод мекунад, ки одамон вайро фаҳманд.

Барои ба суханони худ вазни бештаре додан, пеш аз он ки оид ба *муаллими халқҳо буданаш* эълон намояд, Павлус ишорат мекунад: *«дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ не»*. Калимаҳои *«дар имон ва ростӣ»* шояд ба он ишора менамуданд, ки расул хизмати худро дар имон ва ростӣ ба ҷо меовард, аммо боз бештар он чиз имконпазир аст, ки онҳо баёнгари мазмуни таълимоти вай ҳастанд. Дигар хел карда гӯем, вай халқҳоро дар масъалаҳое ки ба *ростӣ ва имон* дахл доштанд, насиҳат мекард.

## Б. Оид ба мардон ва занон (2,8-15)

**2,8** Ин ҷо расул боз ба мавзуи дуо дар ҷамъомад бармегардад. Дар маркази диққат онҳое мебошанд, ки бояд халқро дар дуо роҳнамоӣ кунанд. Суханони муқаддимавии *«пас ҳоҳиш дорам»* хоҳиши фаъолона ва илҳоми илоҳӣ доштаи Павлусро дар ин мавзуъ ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, Павлус мегӯяд, ки дуои ҷамъомадро бояд *мардон* роҳбарӣ кунанд, на занҳо. Ва ӯ на танҳо усқуфонро, балки ҳамаи мардонро дар назар дорад.

Метавонад чунин тобад, ки ифодаи *«дар ҳар ҷо»* маънои онро дорад, ки ҳар як масеҳӣ метавонад ҳар вақт дуо кунад, новобаста ба он ки дар ин лаҳза дар куҷо мебошад. Аммо азбаски ба ҳар ҳол ин ҷо сухан оид ба дуо дар ҷамъомад меравад, пас маънои оятро низ беҳтараш ҳамчун ишора ба он тафсир кунем, ки дар ҳар ҷое ки гурӯҳи омехтаи масеҳиён ҷамъ шавад, онро бояд на занҳо, балки *мардон* роҳбарӣ кунанд.

Сипас се талабот ба онҳое ки бо овози баланд дуо мекунанд, меоянд. Аввалан, онҳо бояд *дастҳои муқаддасро боло* бардоранд. Аммо ин ҷо на вазъияти дуогӯянда, балки бештар ҳаёти дохилии вай дар назар дошта шудааст. Дастони вай бояд дастони муқаддас бошанд. *Дастон* ин ҷо рамзи тамоми тарзи зиндагии мард мебошанд. Сониян, вай бояд *бе ғазаб* бошад. Агар касе ки бе дудилагӣ ба ғазаб роҳ медиҳад, дар ҷамоат бархоста, бо Худо аз номи ҳозирон гап заданӣ бошад, ин кораш бемаъност. Ниҳоят, вай бояд ба *шубҳа* роҳ надиҳад. Ин, аз афташ, чунин маъно дорад, ки дуокунанда бояд бовар кунад, ки Худо лаёқат ва хоҳиши ҷавоб додан ба онро дорад. Гуфтаҳои болоро хулоса карда, зикр мекунем, ки аз мард покӣ ва ростқорӣ дар ҳаёти шахсӣ, муҳаббат ва осоиш дар муносибатҳо бо одамони дигар, имони бечуну чаро ба Худо талаб карда мешавад.

**2,9** Баъди зикри сифатҳое ки барои шахси бо овози баланд дуо мекарда даркоранд, расул сифатҳоеро номбар мекунад, ки бояд баёнгари хислати *занони* дар ин вақт дар ҷамъомад ҳузурдошта бошанд. Пеш аз ҳама, мегӯяд Павлус, онҳо бояд *дар сару либоси шоиста шармгин ва покдоман бошанд.* Ба тасвири *сару либоси шоиста,* ки Юҳаннои Зарсухан додааст, чизе илова кардан душвор аст:

*Пас сару либоси шоиста чист? Ҳамоне ки онҳоро пурра, бе ороиши зиёдатӣ, мепӯшонад; чунки яке хоксорона аст ва дигаре не. Чӣ? Ту ба ҳузури Худо бо мӯйҳои устокорона*

*бофташуда ва бо ороишҳои тиллоӣ меоӣ? Магар ту ба базм омадаӣ? Ба тӯйи арусӣ? Ба намоиши рақсу бозӣ? Он ҷо ҳамаи ин ороишҳо бамаврид мебуданд; ин ҷо онҳо даркор нестанд. Охир, ту барои он омадаӣ, ки дуо гӯӣ, бахшидашавии гуноҳҳоятро хоҳиш кунӣ, аз Худованд илтиҷо намуда, баҳри ҷиноятҳои худ тавбаву надомат кунӣ ва Худовандро парастиш намоӣ ... Ин гуна риёкориро дур кун!*[6]

*«Шармгин»* будан – аз ҳар он чи боиси шарм мегардад, канораҷӯӣ намудан аст. Илова бар ҳама чиз, рафтори хоксорона ва боадабона низ ба ин дохил мешавад. *«Покдоман»* будан маънои онро дорад, ки зан либоси миёнаҳолона мепӯшад. Вай кӯшиш намекунад, ки бо либосҳои гаронбаҳо ва назаррас диққатро ба худ ҷалб намояд. Онҳо метавонанд боиси ваҷд ва ҳасади одамони барои дуо омада шаванд. Аз тарафи дигар, вай набояд либосҳои ҷанда пӯшида, диққатро ба худ ҷалб кунад. Таассуроте ҳосил мешавад, ки Навишта дар мавриди либоспӯшӣ оид ба зарурати эътидол гап мезанад.

Инак баъзе ифротҳое ки аз онҳо бояд канораҷӯӣ кард: *мӯйбофӣ, тилло, марворид, либосҳои гаронбаҳо. Мӯйбофӣ* гуфта на мӯйҳои хоксорона бофташуда, балки печдарпеч ва назаррабо дар назар дошта шудааст. Ҷавоҳирот ва либоси гаронбаҳо, ки барои худситоӣ хизмат мекунанд, дар ҷамъомади дуогӯӣ ноҷоя мебошанд.

**2,10** Ин ҷо тасвир карда мешавад, ки занҳо чӣ гуна метавонанд ва бояд худро оро диҳанд. Ороишҳои *муносиби* зане ки худро ба парҳезгорӣ бахшидааст, *амалҳои нек* аст. Ин гуна «либос» на танҳо диққати дигаронро аз мушоракат бо Худо дур намекунад, балки ҳаматарафа ба ин гуна мушоракат мусоидат мекунад. Он на танҳо боиси ҳасади талх намегардад, балки дигаронро низ ҳавасманд мекунад, то ба намунаи вай пайравӣ кунанд. *Корҳои нек* яке аз мавзуъҳои асосии номаҳои шубонӣ аст, ки таълимоти солимро ба эътидол меорад, ки ин комилан зарур аст.

**2,11** Дар мавриди иштироки занҳо дар ҷамъомади ҷамоат гуфта мешавад, ки онҳо бояд *дар хомӯшӣ бо камоли итоат таълим гиранд.* Ин бо тамоми гуфтаҳои дигари Навишта оид ба ин мавзуъ мувофиқат мекунад (1Қур. 11,3-15; 14,34.35).

**2,12** Ҳангоме Павлус *«ба зан иҷозат намедиҳам, ки таълим диҳад»* мегӯяд, вай суханонеро ба забон меорад, ки Худо ба вай додааст. Ин суханон тамоман ифодагари фикрҳои шахсии Павлус нестанд, чунон ки баъзеҳо изҳор менамоянд. Худи Худо муқаррар кардааст, ки занҳо набояд дар ҷамъомадҳои ҷамоат хизмати муаллимонро ба ҷо оваранд. Аз ин қоида танҳо ду истисно ҳаст: ба онҳо иҷозат дода шудааст, ки кӯдаконро (2Тим. 3,15) ва занҳои ҷавонро (Тит. 2,4) таълим диҳанд. Ҳамчунин ба зан иҷозат дода намешавад, ки *ба мард ҳукмрон шавад.* Ин маънои онро дорад, ки вай бояд *хомӯш бошад,* на ин ки бар мард фармонравоӣ кунад. Ин ҷо, аз афташ, илова намудан лозим аст, ки амр дар қисми дуюми оят на танҳо ба ҳаёти ҷамоати маҳаллӣ дахл дорад. Ин принсип ба асоси сохти ҷамъияти инсонӣ гузошта шуда буд: ба мард мақоми сарвар дода шудааст, ба зан мақоми тобеъ. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки вай одами навъи дуюм аст. Балки ин маънои онро дорад, ки ҳама гуна кӯшиши бар мард ҳукмронӣ ва ё фармонравоӣ кардани зан хилофи хости Худост.

**2,13** Барои исбот Павлус ба таърихи офариниши *Одам* ва *Ҳавво* муроҷиат мекунад. *«Зеро ки аввал Одам сиришта шудааст, ва баъд Ҳавво».* Аллакай худи тартиби офариниш ба бисёр чизҳо далолат мекунад. Мардро *аввал* офарида, Худо пешакӣ муқаррар намуд, ки ӯ сарвар, роҳбаре бошад, ки суханонаш вазн доранд. Дуюм офарида шудани зан маънои онро дорад, ки вай бояд ба шавҳар итоат кунад. Барои исбот ба тартиби офариниш муроҷиат карда, Павлус ҳама гуна фикрро дар бораи ба фарҳанги маҳаллӣ дахл доштани ин масъала рад мекунад.

**2,14** Исботи дуюм ба таърихи дохилшавии гуноҳ ба инсоният такя мекунад. Ба ҷои ба Одам наздик омадан мор бо дурӯғ ва васвасаи худ ба сӯи Ҳавво равона шуд. Агар Ҳавво мувофиқи хости Худо рафтор мекард, вай мустақилона қарор қабул накарда, ба назди Одам мерафт ва асли масъаларо ба ӯ баён мекард. Ба ҷои ин вай ба шайтон имкон дод, ки вайро *фирефта* кунад ва *ба хато дучор* намояд.

Дар омади гап, аҳамият диҳед, ки муаллимони дурӯғин имрӯзҳо низ одатан дар ҳамон вақт ба хонаҳо мераванд, ки зан танҳо аст, чунки шавҳараш бояд дар кор бошад.

*Ва Одам фирефта нашудааст.* Таассуроте ҳосил мешавад, ки вай дидаву дониста

гуноҳ кард. Баъзеҳо изҳор менамоянд, ки Одам ба гуноҳ афтодани занашро дида, ягонагияшро бо вай кандан нахост ва худаш гуноҳ кард. Аммо дар Навишта ягон ишорае ба ин чиз нест. Вай танҳо мегӯяд, ки зан фирефта шуда буд, аммо Одам – не.

**2,15** Ин яке аз оятҳои душвортарин дар номаҳои шубонӣ буда, миқдори кӯшишҳои маънидод кардани он беҳисоб аст. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ҷо танҳо ваъдаи Худо оид ба *наҷот* додани зани масеҳӣ ҳангоми *зоидани фарзанд* аст. Мутаассифона, ин тавр нест, чунки баъзе занҳои парҳезгор ва садоқатманди масеҳӣ ҳангоми *зоидани фарзанд* мурдаанд. Дигарон тахмин мекунанд, ки калимаи *«зоидани фарзанд»* (айнан «ин *зоидани фарзанд»*) ба зода шудани Масеҳ ишора мекунад ва занҳо ба василаи Оне ки аз зан зода шудааст, наҷот ёфтаанд. Аммо ин бо маънои оятҳои пештара алоқамандии хуб надорад, чунки мардон низ бо худи ҳамин восита наҷот меёбанд. Аз эҳтимол дур аст, ки касе тавонад тахмин кунад, гӯё зан ба сабаби модар шуданаш наҷоти ҷовидонӣ пайдо мекунад; ин наҷот ба воситаи корҳо мебуд, ва аз ҷиҳати табиат корҳои комилан махсус!

Ба ақидаи мо, аз ҳамаи маънидодҳои ин оят бештар тафсири зерин қобили қабул аст. Пеш аз ҳама, наҷот ин ҷо на ба наҷоти ҷони вай, балки ба наҷоти мақоми вай дар ҷамоат дахл дорад. Аз ҳамаи он чи дар ин боб гуфта шуд, баъзеҳо метавонанд тасаввуроте пайдо кунанд, ки барои зан на дар насиҳатҳои Худо, на дар мақсадҳои Ӯ ҷое нест ва вай то дараҷаи ночиз будан паст фароварда шудааст. Аммо Павлус инро қатъиян рад мекунад. Агарчи барои зан дар хизматгузории ҷамъиятии ҷамоат ҳеҷ гуна нақше ҷудо карда нашудааст, вай хизмати хеле муҳими худро дорад. Худо муқаррар кард, ки ҷои зан дар хона аст, ва хизмати вай тарбияи кӯдакон барои шараф ва ҷалоли Худованд Исои Масеҳ аст. Оид ба модарони ходимони бузурги ҷамоати масеҳӣ фикр кунед! Ин занон ҳеҷ гоҳ ба кафедраи воиз набаромада буданд, аммо фарзандони худро барои Худованд тарбия карда, дар он чи ба мавқеи онҳо, самари онҳо барои Худо дахл дорад, ҳақиқатан *наҷот ёфта* буданд.

Лиллей менависад:

*Агар зан дарк кунад, ки вазифаи вай модар ва зан будан аст, вай аз натиҷаҳои гуноҳ наҷот ёфта, дорои ҳуқуқи дар ҷамоат пайдо намудани мақоми боэътибор мешавад, албатта, ба шарте ки ин бахшидашавии вай дертар бо муҳри хислати муқаддасшудаи масеҳиёна тасдиқ карда шавад.*[7]

Ин ҷо касе метавонад пурсад: «Занҳои ҳеҷ гоҳ шавҳар надошта чӣ?» Гап дар он аст, ки ин ҷо Худо умуман ба ҳамаи занҳо муроҷиат мекунад. Ба ҳар ҳол аксари занони масеҳӣ ба шавҳар мебароянд ва фарзандонро ба дунё меоранд. Дар назди онҳое ки ба ин қатор дохил намешаванд, майдони васеи фаъолият ҳаст, ки на бо фармонравоӣ бар мардон алоқа доранд, на бо мавъиза аз минбар.

Ба ҷумлаи пайрави шарт дар охири ояти 15 диққат диҳед: *«агар дар имон ва муҳаббат ва муқаддасӣ бо покдоманӣ устувор монад»*. Ин ваъда тамоман ба қатори он ваъдаҳое дохил намешавад, ки бе ҳеҷ гуна шарт дода мешаванд. Танҳо дар он ҳолате ки шавҳар ва зан ҳаёти сазовори номи масеҳиро ба сар баранд, дар хонаи худ Масеҳро гиромӣ доранд ва фарзандонро дар тарс ва насиҳати Худованд тарбия кунанд, мартабаи зан *наҷот дода* мешавад. Аммо агар волидон ҳаёти сабукфикронаи даҳрӣ ба сар баранд, фарзандонашон барои Масеҳ ва Ҷамоат аз даст хоҳанд рафт. Дар ин ҳолат зан мартабаи баландеро, ки Худо барояш тайёр кардаст, ба даст нахоҳад овард.

Набояд чунин фикр кард, ки агар хизмати зан дар хомӯшии хонааш иҷро шавад, он аз коре ки дар пеши назари мардум иҷро мешавад, камаҳамияттар аст. Дуруст гуфта шудааст: «Ҷаҳонро дасте идора мекунад, ки гахвораро мечунбонад». Дар доварии оянда Масеҳ танҳо садоқат аҳамият хоҳад дошт, ва он ҳам дар хона ва ҳам дар минбар зоҳир шуда метавонад.

## B. Оид ба усқуфон ва диаконҳо (3,1-13)

**3,1** *Сухани боварибахши* дуюм дар 1Тимотиюс ба хизмати усқуфон (нигаҳбонон) дар ҷамоати маҳаллӣ дахл дорад. Усқуф масеҳии ботаҷриба, баркамол, хушфикр аст, ки ба амалӣ гаштани ғамхории илоҳӣ оид ба ҳаёти рӯҳонии ҷамоати маҳаллӣ мусоидат мекунад. Ӯ мероси Худоро дастак карда, ҳукмфармоӣ намекунад, балки онро бо намунаи рӯҳонии худ ҳидоят менамояд.

Имрӯзҳо усқуф гуфта ходими ҷамоатро меноманд, ки бар миқдори зиёди ҷамоатҳои маҳаллӣ ҳокимият дорад. Дар Аҳди Нав ҳамеша оид ба якчанд усқуфон дар як ҷамоат гуфта мешавад (Аъм. 14,23; 20,17; Фил. 1,1; Яъқ. 5,14).

Усқуф ва нигаҳбон ҳамон як аст. Калимае ки ин ҷо «усқуф» тарҷума шудааст, дар Амалҳо 20,28 «нигаҳбон» тарҷума шудааст. Усқуф, ё нигаҳбон бо пир ҳамон як аст. Ҳамон одамоне ки дар Амалҳо 20,17 пирон номида шудаанд, дар Амалҳо 20,28 нигаҳбонон номида шудаанд (ниг. ҳамчунин Тит. 1,5.7). Бинобар ин калимаҳои «усқуф», «нигаҳбон» ва «пир» ба ҳамон як одам дахл доранд.

Умуман калимаи «пир» («пресбитерос») баъзан барои тасвири шахси солхӯрда истифода мешавад, ки аз ҷумлаи роҳбарони ҷамоат буданаш шарт нест (1Тим. 5,1); аммо дар аксари ҳолатҳо «пир» гуфта масеҳиеро дар назар доранд, ки аз тарафи ҷамоати маҳаллӣ ҳамчун роҳбаре эътироф шудааст, ки дар ҳаққи халқи Худо ғамхории шубонӣ мекунад.

Аҳди Нав мавҷудияти усқуфон, ё пиронро дар ҳар як ҷамоат пешбинӣ мекунад (Фил. 1,1). Бо вуҷуди ин, чунин изҳор кардан хато мебуд, ки ҷамоат бе усқуфон вуҷуд дошта наметавонист. Аз Титус 1,5 бармеояд, ки дар Крит ҷамоатҳои ҷавоне буданд, ки дар онҳо ҳанӯз усқуфон таъйин нашуда буданд.

Танҳо Рӯҳулқудс шахсро пири ҷамоат карда метавонад. Ин аз Амалҳо 20,28 аён аст. Рӯҳулқудс дар дили одам хоҳиши иҷро кардани ин корро бедор мекунад, ва низ Ӯ ба вай барои ин ҳама чизи даркориро медиҳад. Шахсро ба воситаи овоздиҳӣ ва ё дастгузорӣ усқуф кардан имкон надорад. Дар байни аъзоёни худ шинохтани онҳое ки Рӯҳулқудс усқуф кардааст, вазифаи ҷамоати маҳаллӣ аст (1Тас. 5,12.13). Рост аст, ки дар Нома ба Титус мо оид ба таъйин кардани усқуфон мехонем, аммо сухан оид ба вазифаи Титус дар интихоби шахсони дорои сифатҳои зарурии усқуф меравад. Он вақт масеҳиён Аҳди Нави чопшуда, мисли оне ки мо имрӯз дорем, надоштанд. Бинобар ин онҳо намедонистанд, ки усқуф бояд дорои кадом хислатҳои мушаххас бошад. Барои ҳамин Павлус ба назди онҳо Титусро бо ҳамин маълумот фиристода, фармуд, то онҳоеро интихоб кунад, ки Рӯҳулқудс барои ин кор таъйин намудааст.

Ба вазифа таъйин кардани усқуф метавонад тамоман ба таври ғайрирасмӣ ҷараён ёбад. Масеҳиён аксаран ба таври ғаризавӣ (инстинктӣ) медонанд, ки усқуфони онҳо киҳоянд, чунки дар 1Тимотиюс ва Титус бо тасвири сифатҳое ки барои усқуф даркоранд, муфассал ошно шудаанд. Аз тарафи дигар, ба вазифаи усқуф таъйин кардан маросими расмӣ буда метавонад. Дар ҷамоати маҳаллӣ барои интихоби усқуфон маҷлиси аъзоён даъват карда мешавад. Дар ин ҳолат одатан аввал ҷойҳои мувофиқи Навиштаро мехонанд, матнро муфассал мефаҳмонанд, сипас масеҳиёни маҳаллӣ онҳоеро номбар мекунанд, ки ба ақидаи онҳо, дар ҷамъомад хизмати усқуфро ба ҷо меоварданд. Ин номҳо баъд дар назди ҷамъомади умумӣ хонда мешаванд. Агар дар ҷамоат каси дорои сифатҳои барои усқуф даркорӣ набошад, пас, роҳи ягона – дуо кардан аст, то ки Худованд дар оянда барои онҳо ин гуна одамонро пайдо кунад.

Навишта миқдори мушаххаси усқуфонро, ки барои ҷамоат даркоранд, муқаррар намекунад, агарчи таъкид мекунад, ки онҳо бояд якчанд нафар бошанд. Ин танҳо ба он вобаста аст, ки чанд кас ба нишондодҳои Рӯҳулқудс дар ин масъала пайравӣ мекунанд.

*Агар касе нигаҳбони ҷамоат будан хоҳад, кори хубе орзу мекунад.* Одамон майли чунин фикр кардан доранд, ки ин вазифаи фахрии ҷамоатиест бе уҳдадориҳои махсус, агарчи дар асл меҳнати нигаҳбон хизмати фурӯтанона ба халқи Худо аст; ин кор аст, ва кори осон нест.

**3,2** Талабот ба довталаби вазифаи усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* дар оятҳои 2-7 тасвир шудаанд. Ин ҷо чор шарти асосӣ номбар шудааст: хислати шахсии ӯ, шаҳодати оилаи ӯ, истеъдодҳои муаллимӣ ва ботаҷрибагӣ. Ин меъёри илоҳист барои ҳар касе ки роҳбари рӯҳонии ҷамоати маҳаллӣ будан мехоҳад. Баъзеҳо онро рад карда, мегӯянд, ки имрӯзҳо ҳеҷ кас ба ҳамаи ин талабот ҷавобгӯ нест. Аммо ин тавр нест. Ин гуна далелҳо Навиштаро аз эътибор маҳрум мекунанд ва имкон медиҳанд, ки вазифаи усқуфиро *(нигаҳбони ҷамоатро)* касоне ишғол намоянд, ки аз тарафи Рӯҳулқудс барои ин ваколатдор нашудаанд.

Аввалан, *нигаҳбон бояд беайб бошад.* Бояд касе *нигаҳбони ҷамоат* шавад, ки аз ҳама гуна маломатҳо боло истад. Ин маънои онро надорад, ки вай бегуноҳ аст, балки рафтори

нодуруст карда, вай бо тавба ба назди Худо ва одамон меояд. Обрӯи вай бояд на танҳо зоҳиран бо бенуқсонӣ машҳур бошад, балки аслан ҳамон хел бошад.

Сониян, ӯ *бояд шавҳари як зан бошад*. Ин талаботро ҳар хел маънидод мекунанд. Ба гуфти баъзеҳо, маънои ин суханон чунин аст, ки усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* бояд зандор бошад. Онҳо инро бо ҳамин асоснок мекунанд, ки шахси безан таҷрибаи кофӣ надорад, то ба масеҳиён дар ҳалли мушкилоти оилавӣ ёрӣ расонад. Агар ин талабот маънои онро дошта бошад, ки усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* бояд зандор бошад, пас, ба ҳамин хатти муҳокимаронӣ пайравӣ намуда, аз ояти 4 бояд хулоса намоем, ки вай бояд фарзандон низ дошта бошад.

Дигарон чунин меҳисобанд, ки ибораи *«шавҳари як зан»* маънои онро дорад, ки агар зани усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* мурад, вай набояд дубора зан гирад. Ин тафсири хеле сахтгирона аст, ки муқаддасии муносибатҳои никоҳиро равшан карда метавонад.[8]

Тафсири сеюм – усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* набояд аз занаш ҷудошуда бошад. Ин ақида бисёр тарафҳои арзанда дорад, агарчи, ба андешаи мо, ин ҳанӯз ҷавоби пурра нест.

Боз як ақида: усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* набояд дар бевафоӣ ва нобасомониҳои оилавӣ айбдор бошад. Симои ахлоқии вай бояд беолоиш бошад. Ва ин, албатта, ҳақиқат аст, агарчи ин оятро ҳар хел маънидод мекунанд.

Маънидоди охирин чунин аст, ки усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* набояд бисёр зан дошта бошад. Ин маънидод ба мо аҷиб метобад, аммо он бисёр арзиш дорад. Миссионерон борҳо бо ҳодисаҳое дучор мешаванд, ки шахсе ки зани бисёр дорад, назди Масеҳ меояд. Фарз мекунем, ки ҳангоми бозгашт карданаш вай чор зан дорад. Дертар вай мехоҳад таъмид гирифта, узви ҷамоати маҳаллӣ шавад. Миссионер ба вай бояд чӣ маслиҳат диҳад? Касе мегӯяд, ки навимон бояд аз сетои занҳояш даст кашад. Аммо ин ҷо душвориҳои азим ба миён меоянд. Пеш аз ҳама вай мепурсад, ки аз кадоми онҳо даст кашад. Вай ҳамаи онҳоро дӯст медорад ва ба онҳо сарпаноҳ медиҳад. Илова бар ин, агар вай се занашро сар диҳад, онҳо воситаи рӯзгузаронӣ нахоҳанд дошт ва касе аз онҳо бо фоҳишагӣ машғул хоҳад шуд, то ки як навъе карда рӯзашро гузаронад. Худо ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳад, ки мушкилии як гуноҳ ба воситаи пайдо шудани дигар гуноҳҳои боз ҳам бадтар ҳал карда шавад. Миссионерони масеҳӣ дар бисёр ҷойҳо ин масъаларо чунин ҳал мекунанд: онҳо ба шахс иҷозат медиҳанд, ки таъмид гирифта, узви ҷамоат шавад, аммо агар вай якчанд зан дошта бошад, ҳеҷ гоҳ усқуфи (нигаҳбони) ҷамоат шуда наметавонад.

*Ҳушёрӣ* на танҳо дар хӯрдан ва нӯшидан талаб карда мешуд, балки барои дар масъалаҳои динӣ ба ифротҳо роҳ надодан низ.

*Боандеша* – яъне фикрҳояш сабуксорона ва сатҳӣ набошад. Вай ҷиддӣ, самимӣ, бофаросат ва боандеша аст. Вай дарк мекунад, ки магасҳои мурда равғани атторро бадбӯй ва фосид мекунанд; андак ҳамоқати шахси обрӯманд низ бо хирадмандӣ ва шарафи вай ҳамон корро мекунанд (ниг. Воиз 10,1).

Усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* бояд *боодоб* бошад, яъне рафтораш бояд муътадил ва ботартиб бошад.

*Меҳмоннавоз* маънои онро дорад, ки вай бояд бегонагонро хуш қабул кунад. Дари хонаи вай ҳам барои масеҳиён ва ҳам барои беимонон кушода аст; вай кӯшиш мекунад, ки барои ҳамаи онҳое ки аз остонаи дараш медароянд, баракат шавад.

Усқуф бояд *омӯзгор* бошад. Ҳангоми боздиди масеҳиёне ки мушкилоти рӯҳонӣ доранд, вай бояд ба Навишта муроҷиат карда, хости Худоро оид ба масъалаҳои пайдошуда фаҳмонда тавонад. Вай бояд рамаи Худоро чаронида (1Пет. 5,2) ва Навиштаҳоро барои рад кардани таълимоти бардурӯғ (Аъм. 20, 29-41) истифода бурда тавонад. Ин маънои онро надорад, ки усқуф ҳатман бояд бахшоиши муаллимӣ дошта бошад, аммо ҳангоми дар хонаҳояшон боздид намудани аҳли ҷамоати худ, ва дар ҷамъомад вай бояд таълимоти имонро баён карда тавонад, Каломи Ростиро дуруст маънидод карда тавонад, ва инро бо омодагии калон ва бо майли том кунад.

**3,3** *Майпараст* касест, ки ба машруботи спиртӣ вобастагӣ пайдо кардааст. Усқуф набояд касе бошад, ки аз май суиистифода мекунад, ва бинобар ин ба ҷанҷолу хархашаҳо моил мебошад.

*На ҷангара* маънои онро дорад, ки ин одам нисбати дигарон зӯроварии ҷисмониро ба кор намебарад. Масалан, агар вай хизматгорон дошта бошад, ҳеҷ гоҳ онҳоро намезанад.

*На тамаъкор* (ё чашмгурусна) дар баъзе дастнависҳои қадимтарин нест, аммо дар аксари дастнависҳо он ҳаст.[9] Чун дар ҷаҳон, ҳасад ва дӯст доштани молу мулк дар ҷамоат меваҳои даҳшатовар меорад.

Усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* бояд *нармдил* бошад. Хизмат дар ҷамоат аз вай таҳаммул, нармдилӣ, сабр, ба гузашт тайёр будан ва рӯҳи фидокоронаро талаб мекунад.

Вай набояд *ситезаҷӯ бошад*, набояд ҷанҷолчӣ, хурдагир, бо ҳар сабаби беҳуда мунозира мекардагӣ бошад. Вай ҳуқуқи худро аз ҳама кас ва ҳама чиз ҳимоя намекунад, ҳамеша кайфияти муътадил ва хушмуомила дорад.

Усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* набояд *пулпараст,* яъне пулдӯстдор бошад. Зада дар ин ҷо дар калимаи «парастидан» (дӯст доштан) аст. Ғамхории ягонаи вай – ҳаёти рӯҳонии фарзандони Худост; майли зиёдро ба чизҳои моддӣ вай халал меҳисобад ва қабул намекунад.

**3,4** Барои он ки вайро нигаҳбон эътироф кунанд, масеҳӣ *бояд аҳли хонаи худро ба хубӣ идора кунад, фарзандонашро ... дар фармонбардорӣ нигоҳ дорад.* Ин талабот то вақте амал мекунад, ки фарзандон дар хонаи вай зиндагӣ мекунанд. Пас аз он ки онҳо хонаи вайро тарк карда, оилаҳои худро ташкил мекунанд, имконияти нишон додани итоаткорӣ низ аз байн меравад. Агар мард *аҳли хонаи худро ба хубӣ идора кунад,* вай аз ифротҳо канораҷӯӣ хоҳад кард: аз дуруштии беҳад ва нармдилии носазовор.

**3,5** Далелҳо дар ин ҷо возеҳанд. Агар масеҳӣ *аҳли хонаи худро идора* кардан натавонад, оё метавон интизор шуд, ки вай оид ба *Ҷамоати Худо* ғамхорӣ карда метавонад? Миқдори аъзоёни оилаи вай нисбатан бисёр нест. Ҳамаи онҳо бо вай муносибатҳои хешутаборӣ дошта, аксаран аз вай хурдсолтар мебошанд. Дар ҷамоат бошад одамон хеле бештаранд, ва ҳар кадоми онҳо хислат ва мизоҷи худро доранд. Комилан равшан аст, ки шахсе ки гурӯҳи хурди одамонро идора карда наметавонад, барои роҳбарӣ бар миқдори бештар лоиқ нест.

Ояти 5 хеле муҳим аст, чунки он моҳияти кори усқуфро *(нигаҳбони ҷамоатро)* тасвир мекунад. Вай бояд *дар бораи Ҷамоати Худо ғамхорӣ* кунад. Аҳамият диҳед: ғамхорӣ кунад, на ин ки ҳукмронӣ кунад. Усқуф *(нигаҳбони ҷамоат)* на ҳокими мустабид ва ҳатто на ҳокими раҳмдил, балки онест, ки халқи Худоро роҳнамоӣ мекунад, чунон ки чӯпон барраҳоро мебарад.

Калимаи *«ғамхорӣ»* дар Аҳди Нав танҳо дар масал оид ба сомарии раҳмдил вомехӯрад (Луқ. 10,34). Усқуфе *(нигаҳбоне)* ки оид ба ҷамоат ғамхорӣ менамояд, ин корро бо чунон муҳаббат ва меҳрубонӣ мекунад, ки сомарии раҳмдил ба шахсе ки гирифтори ҳуҷуми ғоратгарон шуда буд, ғамхорӣ мекард.

**3,6** *Навимон набошад.* Шахсе ки ба қарибӣ ба масеҳият рӯ овардааст ё дар имон қадамҳои аввалин мегузорад, сифатҳои барои усқуф (нигаҳбони ҷамоат) даркорро надорад. Шахсе ки ин вазифаро дорад, бояд дорои таҷрибаи калон ва дониш дар имон бошад. Хатари он ки навимон *ҳавобаланд шуда, зери ҳукми иблис афтад,* хеле калон аст. *Ҳукми иблис* гуфта, на ҷазое дар назар дошта шудааст, ки шайтон ба одамон меорад, балки ҷазое дар назар дошта шудааст, ки ба сари худи шайтон барои ҳавобаландии вай омадааст. Вай кӯшиш мекард, ки мартабаи баландро, ки ба он ҳуқуқ надошт, соҳиб шавад, ва хеле паст афтид.

**3,7** Танҳо касе усқуф (нигаҳбони ҷамоат) буда метавонад, ки обрӯяш дар ҷаҳон низ доғдор нашудааст. *Онҳое ки берун аз ҷамоатанд* – ҳамсоягони беимони вай мебошанд. Ин гуна *шаҳодати нек* надошта, вай боиси айбдоркуниҳои одамон шуда, ба *доми иблис* меафтад. Айбдоркуниҳо ҳам аз масеҳиён ва ҳам аз беимонон буда метавонанд. *Доми иблис* тӯрест, ки иблис барои онҳое густурдааст, ки суханонашон бо амалҳояшон мувофиқат намекунанд. Иблис ҳамаи онҳоеро, ки ба ин тӯр афтодаанд, мавриди масхара, таҳқир ва нафрат қарор медиҳад.

**3,8** Акнун расул аз усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат) ба диаконҳо (хизматгузорон) мегузарад. Дар Аҳди Нав диакон (хизматгузор) касест, ки хизмат мекунад. Ақидае паҳн шудааст, ки диакон (хизматгузор) масеҳиест, ки оид ба корҳои ҷаҳонии ҷамоат ғамхорӣ мекунад, дар ҳоле ки усқуф (нигаҳбони ҷамоат) оид ба ҳаёти рӯҳонии ҷамоат ғамхорӣ мекунад. Чунин фаҳмиши вазифаҳои диакон (хизматгузор) асосан бар Амалҳо 6,1-5 асос ёфтааст, ки он ҷо дар хусуси дар ҷамоат таъйин намудани масъулони тақсимкунии хӯроквории ҳаррӯза ба бевазанон гуфта мешавад. Худи калимаи диакон (хизматгузор) дар он порча нест, аммо дар ояти 2 шакли феълии он истифода шудааст:

«Шоиста нест, ки мо Каломи Худоро тарк карда, ба хизмати (айнан «диакон») таъмини ризқу рӯзӣ машғул шавем».

Талабот ба *диаконҳо* (хизматгузорон) монанди талаботҳо ба усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат) мебошанд, агарчи на он қадар сахтгиронаанд. Фарқи аҳамиятнок он аст, ки аз диаконҳо (хизматгузорон) муаллими хуб будан талаб карда намешавад.

*Лозим аст, ки хизматгузорон* одамони *ҳалолкор,* сазовор ва муҳтарам бошанд. Онҳо бояд *на дузабон* бошанд, яъне ба одамони гуногун ё дар вақтҳои гуногун ҳисоботҳои хилофи ҳамдигарро пешниҳод накунанд. Онҳо бояд дар корҳо ва суханони худ собитқадам бошанд.

Онҳо набояд *шавқманди шаробнӯшӣ* бошанд. Аҳди Нав истифодаи майро ба мақсади табобат ё ҳамчун шарбат ба кор бурдани онро дар кишварҳое ки манбаъҳои об ифлосанд, манъ намекунад. Аммо, агарчи Навиштаи Муқаддас ба ҳадди эътидол истеъмол намудани майро иҷозат медиҳад, масеҳӣ бояд онро низ ба назар гирад, ки бо ин вай чӣ гуна ибрате ба ҷаҳониён нишон медиҳад. Дар баъзе кишварҳо май нӯшидани масеҳӣ ба шаҳодати вай ягон хел таъсири манфӣ намерасонад, аммо дар кишварҳои дигар ин метавонад барои беимонон санги пешпохӯрӣ шавад. Бинобар ин, агарчи истеъмоли май иҷозат дода шудааст, он на ҳамеша мувофиқи мақсад аст.

Диаконҳо (хизматгузорон) набояд *тамаъкор* бошанд. Саришта кардани воситаҳои молиявии ҷамоати маҳаллӣ низ яке аз вазифаҳои диакон (хизматгузор) буда метавонад. Ин ҷо шахси пулдӯстдор ба васвасаи сахттарини ба хазина дасти тамаъ дароз кардан афтода метавонад. Яҳудо хазинадори охирине набуд, ки аз боиси пул ба Худованди худ хиёнат кард.

**3,9** Диаконҳо (хизматгузорон) бояд *сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд.* Ин маънои онро дорад, ки онҳо дар таълим ва ҳаёт бояд пайрави ҳақиқат бошанд. Онҳо ҳақиқатро на фақат бояд донанд, балки низ мувофиқи он зиндагӣ кунанд. *Сирри имон* тасвири имони масеҳист. Бисёр таълимоти масеҳият дар замони Аҳди Қадим махфӣ нигоҳ дошта мешуданд ва аз тарафи расулон ва пайғамбарони Аҳди Нав ошкор шуда буданд. Барои ҳамин ҳам ин ҷо калимаи «сирр» истифода шудааст.

**3,10** Диаконҳо (хизматгузорон) ва усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат) бояд *аввал озмуда шаванд.* Ин маънои онро дорад, ки як муддат онҳоро назорат кардан, эҳтимол, дар ҷамоати маҳаллӣ иҷрои баъзе вазифаҳоро супурдан лозим аст. Ҳангоме ки онҳо боэътимод ва вазифашинос будани худро исбот кунанд, вазифаҳои онҳоро васеътар кардан мумкин аст. *Ва баъд хизмат кунанд.* Чун дар мавриди усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат), ин ҷо задаи мантиқӣ на он қадар дар мансаби ҷамоатӣ, балки бештар дар хизмат ба Худованд ва халқи Ӯст.

Агар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии марде ҳамин тавр *беайб* бошад, иҷрои хизмати диаконро (хизматгузорро) ба вай иҷозат додан мумкин аст. Калимаи *«беайб»* пеш аз ҳама ба сифатҳои дар боло номбаршуда дахл дорад.

Ин ҷо онҳоеро низ зикр кардан ҷоиз аст, ки хизматашонро дар ҷамоати маҳаллӣ ҳамчун хизмати диакон (хизматгузор) ҳисобидан мумкин аст. Яке аз онҳо, албатта, хазинадор аст, сипас котиб, мудири мактаби якшанбегӣ ва онҳое ки меҳмонон ва аъзоёни ҷамоатро дар маҷлис пешвоз мегиранд.

**3,11** Дар ин оят, бешубҳа, *занони* диаконҳо ё занони усқуфону диаконҳо дар назар дошта шудаанд. Занони онҳое ки дар ҷамоат мансабҳои масъулиятнокро ишғол мекунанд, бешубҳа, бояд масеҳиёни баркамол буда, мизоҷи устувор дошта бошанд, то ба шавҳаронашон дар кори муҳими онро ёрӣ дода тавонанд.

Аммо худи ҳамин калимаро на танҳо «завҷаҳо», балки «занон» низ тарҷума кардан мумкин аст. Ин гуна тарҷумаро ҳамчун зикр оид ба диаконзанон маънидод кардан мумкин мебуд. Дар ҷамоати расулон ин гуна занон буданд, масалан Фибӣ, «хизматгузори (диаконзани) ҷамоати Канхария» (Рум. 16,1).[10] Тасаввуротро оид ба хизмате ки ин занон дар ҷамоат адо менамуданд, мо аз суханони Павлус оид ба Фибӣ пайдо мекунем: «Вай ба бисёр касон ва ба худи ман низ мададгор буд» (Рум. 16,2).

Ҳар навъе ки бошад, ин занон бояд *ҳалолкор,* муҳтарам ва бомулоҳиза бошанд. Онҳо набояд *ғайбаткунанда* бошанд, ки доимо ғайбат ҷамъ намуда, овозаҳои бардурӯғ ва кинадор паҳн мекунанд, то номи неки касеро сиёҳ кунанд. Аз онҳо *ҳушёрӣ* ва таҳаммул, худдорӣ карда тавонистан талаб карда мешавад.

Ва ниҳоят, онҳо бояд *аз ҳар ҷиҳат боваринок* бошанд. Инро на танҳо ҳамчун вафодорӣ ба имони масеҳӣ, балки боэътимодӣ, тағйирнопазирӣ ва вазифашиносӣ низ фаҳмидан мумкин аст. Онҳо ҳамчунин бояд асрори оилавӣ ва маълумоти махфиро нигоҳ дошта тавонанд

**3,12** Ин ҷо расул ба мавзуи *хизматгузорон* бармегардад. Аввал вай зикр мекунад, ки диакон (хизматгузор) бояд *соҳиби як зан бошад*. Ақидаҳои гуногун оид ба маънои ин гуфтаҳо дар робита бо ояти 2-юми ин боб баён шуда буданд. Ин ҷо гуфтан кофист, ки диаконҳо (хизматгузорон), ба монанди усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат) дар ҳаёти оилавии худ бояд беайб бошанд.

Онҳо ҳамчунин бояд *фарзандон ва аҳли хонаи худро ба хубӣ идора кунанд*. Инро карда натавонистан дар Аҳди Нав ҳамчун нуқсон дар хислати масеҳӣ ҳисобида мешавад. Ин маънои онро надорад, ки падарон бояд золим ва омир бошанд. Дар назар дошта шудааст, ки фарзандони онҳо бояд гапдаро буда, бо шаҳодати ҳақиқат барои осоиш хизмат кунанд.

**3,13** Хизматгузории Филиппус ва Истефанус ба ҷумлаи *«онҳое ки нағз хизмат кардаанд, барои худ мартабаи олӣ ва ҷуръати азим дар имоне ки дар Масеҳ Исо аст, муҳайё мекунанд»* мисоли равшане буда метавонад. Дар Амалҳо 6,5 мо номҳои онҳоро дар рӯйхати ҳафт диаконҳои (хизматгузорони) таъйиншуда вомехӯрем. Ба онҳо вогузор шуда буд, ки ба тақсимоти пул барои бевазанон роҳбарӣ кунанд. Таассуроте ҳосил мешавад, ки Рӯҳулқудс садоқати онҳоро дида, соҳаҳои баландтари хизматгузориро ба онҳо боварӣ карда супорид: дертар, дар китоби Амалҳо мо мехонем, ки Филиппус хизмати муждабариро адо мекард, Истефанус бошад муаллимӣ мекард. Онҳо ҳамчун диакон (хизматгузор) *нағз хизмат карда,* дар назари ҷамоати маҳаллӣ *мартабаи олӣ пайдо* карда буданд. Касе ки вазифаи худро, агарчи хурд бошад ҳам, содиқона ба ҷо меорад, ба зудӣ барои эътимоднокӣ ва садоқат соҳиби эътибор хоҳад шуд.

Дар анҷом Филиппус ва Истефанус *ҷуръати азим дар имоне ки дар Исои Масеҳ ҳаст,* ба даст оварданд. Ин, бешубҳа, маънои онро дорад, ки ба онҳо дар шаҳодат оид ба Масеҳ дар таълим, дар дуо далерии бузурге дода шуда буд. Далели равшани он суханронии Истефанус пеш аз марги риёзаткашона аст.

### Г. Оид ба рафтор дар ҷамоат (3,14-16)

**3,14** Ҳамаи инро расул бо умеди ба зудӣ Тимотиюсро дидан навиштааст. *«Инро»* метавонад на танҳо ба чизи гуфташуда, балки низ ба он чи дахл дошта бошад, ки дар оянда гуфта хоҳад шуд.

**3,15** Павлус дарк мекунад, ки метавонад таъхир кунад ва ё тамоман ба Эфесус наояд. Мо намедонем, ки вай боз бо Тимотиюс дар Эфесус вохӯрда тавонист ё не. Бинобар ин расул мехост, то Тимотиюс донад, ки *агар* вай *дер монад,* масеҳиён бояд *дар хонаи Худо чӣ гуна рафтор* намоянд.

Дар оятҳои пештара Павлус тасвир намуд, ки усқуфон(нигаҳбонони ҷамоат), диаконҳо (хизматгузорон) ва занони онҳо бояд чӣ гуна рафтор намоянд. Акнун бошад вай мефаҳмонад, ки ҳамаи масеҳиён дар *хонаи Худо* бояд чӣ гуна рафтор кунанд.

*Хонаи Худо* гуфта ин ҷо *Ҷамоати Худои Зинда, сутун ва бунёди ростӣ* номида шудааст. Дар Аҳди Қадим Худо дар хаймаи ҷомеъ ва дар парастишгоҳ сокин буд, аммо дар Аҳди Нав Ӯ дар *Ҷамоат* сукунат дорад. Дар бораи Ӯ чун дар бораи *Ҷамоати Худои Зинда* гуфта мешавад, бархилофи парастишгоҳи бутпарастӣ, ки пур аз бутҳои мурда аст.

Ҷамоат ҳамчунин *сутун ва бунёди ростӣ* номида шудааст. Рукнҳо на танҳо иншоотҳоро нигоҳ медоранд; дар сутуни дар майдони бозор насбшуда нишондодҳо ва фармонҳо овехта мешуданд. Ҳамин тариқ, сутун мунодӣ (хабаррасон) мешавад. Худо Ҷамоатро интихоб намуд, то он *ҳақиқати* Ӯро дар ин замин эълон намояд ва намоиш диҳад. Он ҳамчунин *бунёди ростӣ* аст. Ин ҷо бунёд гуфта таҳкурсӣ ё такяҳо дар назар дошта шудааст. Ба Ҷамоат фармуда шудааст, ки ҳақиқати Худоро ҳимоя ва дастгирӣ намояд.

**3,16** Ин ояти душвор аст. Пеш аз ҳама, аниқ кардан душвор аст, ки он бо гуфтаҳои боло чӣ робита дорад. Эҳтимол, ин баёни кӯтоҳи ҳақиқат аст, ки сутун ва бунёди он Ҷамоат аст (о. 15). Аммо, шояд, дар ин оят мисоли қувваи худотарсӣ оварда мешавад, ки чунон ки Павлус таъкид мекунад, қисми

рафтори боадабона дар хонаи Худост. Ҷ. Н. Дарбӣ гуфта буд:

*Ин оятро аксаран чунон иқтибос ва тафсир мекунанд, ки гӯё дар он оид ба сирри Худо, ё оид ба сирри Шахсияти Масеҳ сухан мерафта бошад. Аммо ин сирри тақводорӣ аст, ё сиррест, ки ҳама гуна тақводории ҳақиқӣ, манбаи илоҳии ҳамаи он чи парҳезгорӣ дар одам номидан мумкин аст, аз куҷо сарчашма мегирифта бошад ... Тақводорӣ дар дониш оид ба одамшавӣ, марг, растохез ва боло шудани Худованд Исои Масеҳ сарчашма мегирад ... Танҳо ҳамин тавр мо Худоро дарк менамоем; ва тақводорӣ аз мавҷудияти доимӣ дар он бармеояд.*[11]

Ҳангоме Павлус мегӯяд, ки *сирри худотарсӣ бечуну чаро бузург аст,* вай дар назар надорад, ки он хеле асроромез аст, балки онро дар назар дорад, ки сирр оид ба Шахсият ва кори Худованд Исо хеле хуб ва ҳайратангез аст.

Суханони «*Худо*[12] *дар ҷисм зоҳир шуд*» ба Худованд Исо, ва маҳз ба таҷассуми Ӯ дахл доранд. Парҳезгории ҳақиқӣ бори аввал он вақт зоҳир карда шуд, ки Наҷотдиҳанда ҳамчун кӯдак дар охури Байт-Лаҳм зода шуд.

Оё «*дар Рӯҳ тасдиқ гардид*» маънои онро дорад, ки Ӯ Худро дар рӯҳи одамии Худ тасдиқ кардааст? Ё ин маънои «аз тарафи Рӯҳулқудс тасдиқ гардид»-ро дорад? Он қадаре ки мо мефаҳмем, аниқтараш, ин дуюмаш аст. Рӯҳулқудси Худо оид ба Ӯ ҳангоми таъмид (Мат. 3,15-17), дигаргуншавӣ (Мат. 17,5), растохез (Рум. 1,3.4) ва ба осмон рафтани Ӯ (Юҳ. 16,10) шаҳодат дода буд.

*Фариштагон* Худованд Исоро ҳангоми зода шудан, озмоиш, ҳолати назъ дар боғи Ҷатсамонӣ, растохез ва боло шуданаш дида буданд.

Аз рӯзи Пантикост сар карда *дар миёни халқҳо мавъиза шуд.* Ин шаҳодат на танҳо дар байни халқи яҳудӣ паҳн шуд, балки ба гӯшаҳои дурдасттарини замин расид.

«*Дар ҷаҳон бо имон пазируфта шуд*» аз он шаҳодат медиҳад, ки намояндагони қариб ҳамаи халқҳо ва қабилаҳо ба Худованд Исо имон оварданд. Ин ҷо «*ҷаҳон Ӯро* бо имон пазируфт» гуфта нашудааст. Агарчи мавъизаи он дар тамоми ҷаҳон садо медиҳад, на ҳама онро қабул мекунанд.

Чунин ҳисобида мешавад, ки калимаҳои «*дар ҷалол боло бурда шуд*» ба боло шудани Ӯ баъди анҷоми кори бозхарид ва мавҷудияти ҳозираи Ӯ дар он ҷо дахл дорад. Винсент таъкид мекунад, ки ин ҷо «дар ҷалол (на бахри ҷалол) боло бурда шуд» гуфта мешавад. Ин ба он ишорат мекунад, ки «азамат ва шукӯҳи ба осмон рафтани Ӯ ба азамат ва шукӯҳи генералӣ ғолиб монанд мебошанд».

Баъзеҳо ин рӯйхати ҳодисаҳоро хронологӣ меҳисобанд. Ҳамин тавр, масалан, онҳо мегӯянд, ки «*дар ҷисм зоҳир шуд*» ба таҷассум дахл дорад; «*дар Рӯҳ тасдиқ гардид*» ба марг, дафн ва растохези Масеҳ; «*ба василаи фариштаҳо дида шуд*» ба осмон боло шудани Ӯро тасвир мекунад; «*дар миёни халқҳо мавъиза карда шуд*» ва «*дар ҷаҳон бо имон пазируфта шуд*» ҳодисаҳое ки баъди ба осмон рафтани Ӯ воқеъ шуданд, ва, ниҳоят, «*дар ҷалол боло бурда шуд*» оид ба он рӯзи меомада мегӯяд, ки ҳамаи наҷотёфтагони Ӯ ҷамъ карда шуда, аз мурдагон зинда мешаванд ва ҳамроҳи Ӯ дар ҷалол боло мешаванд. Танҳо ва танҳо ҳамон вақт, чунон ки тарафдорони ин ақида таъкид мекунанд, сирри парҳезгорӣ ба итмом мерасад.

Аммо мо сабаберо намебинем, ки ин тартиб бояд хронологӣ бошад. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин оят порчае аз суруди қадимии масеҳист. Агар ҳамин тавр бошад, пас, он суруд ба яке аз сурудҳои рӯҳонии мо монанд будааст:

*Зиста, Ӯ маро дӯст дошт; мурда, Ӯ наҷотам дод;*
*Чун ба қабр рафт, дур намуд гуноҳам пеши Худо;*
*Бо растохезаш маро ҷовидона сафед кард.*
*Ӯ ягон рӯз меояд – оҳ, чӣ рӯзи пурҷалол!*

Чарлз Д. Марш

## IV. АЗ ИМОН ГАШТАН ДАР ҶАМОАТ (4, 1-16)

### А. Огоҳкунӣ оид ба муртадӣ, ки ба ҷамоат таҳдид мекунад (4,1-5)

**4,1** *Рӯҳ* чӣ гуна метавонад оид ба чизе *кушоду равшан гӯяд?* Аввалан, ба воситаи Павлус; охир, он чизеро, ки расул навиштанӣ буд, бешубҳа, Худо ба вай ошкор карда буд. Сониян, Ӯ инро ба воситаи Навиштаи боқимонда мекунад, охир, он, хусусан Аҳди Нав, *равшан* таълим медиҳад, ки ба *замонҳои*

*оянда* аз имон баргаштан (муртадӣ) хос хоҳад буд.

*Замонҳои оянда* гуфта, ин ҷо замонҳои дертар дар назар дошта шудаанд, ки баъди навишта шудани ин мактуб фаро мерасанд.

*Баъзе касон аз имон мегарданд.* Калимаи «баъзеҳо» барои 1Тимотиюс ниҳоят хос аст. Ақаллияти номаи якум дар номаи дуюм аллакай аксарият мешавад. *Аз имон гаштан* ё дур шудани ин одамон маънои онро надорад, ки онҳо замоне наҷот ёфта буданд; онҳо худро масеҳӣ меномиданд. Онҳо оид ба Худованд Исои Масеҳ медонистанд ва шунида буданд, ки Ӯ ягона Наҷотдиҳанда аст. Як муддате онҳо изҳор мекарданд, ки Ӯро пайравӣ мекунанд, аммо сипас аз имон баргаштанд.

Ҳангоми хондани ин сатрҳо фикр беихтиёр ба ҳар гуна фирқаҳои бидъаткорона равона мешавад, ки имрӯзҳо пайдо шудаанд. Бисёрии аъзоёни он шахсоне мебошанд, ки як замоне ба ҷамоатҳои ба ном масеҳӣ мерафтанд. Шояд, як замоне ин ҷамоатҳо пайрави таълимоти дуруст буданд, аммо тадриҷан ба хушхабари иҷтимоӣ майл карданд. Ҳамаи ин шахсон, ки худро масеҳӣ меноманд, барои бидъаткороне ки ба онҳо арзишҳои баландтареро пешниҳод мекунанд, туъмаи осон мегарданд.

Онҳо ихтиёрӣ *ба рӯҳҳои фиребанда ва таълимоти девҳо рӯ меоваранд.* Ибораи *«рӯҳҳои фиребанда»* ин ҷо ба маънои маҷозӣ барои тасвири муаллимони дурӯғине истифода шудааст, ки бо роҳнамоии рӯҳҳои нопоке ки беэҳтиётонро мефиребанд, амал мекунанд. *Таълимоти девҳо* (рӯҳҳои нопок) таълимоте мебошанд, ки девҳо талқин мекунанд ё аз олами девҳо сарчашма мегиранд.

**4,2** Калимаи *«дурӯягӣ»* маънои «ниқоб пӯшидан»-ро дорад. Ин ба ҳамаи бидъаткорон хеле хос аст! Онҳо моҳияти аслии худро пинҳон карданӣ мешаванд. Онҳо намехоҳанд, то одамон фаҳманд, ки фирқаи бидъаткоронаи онҳо қисми кадом система шудааст. Онҳо бо истилоҳоти Навиштаи Муқаддас найрангбозӣ карда ва сурудҳои масеҳӣ хонда, намоиш ташкил мекунанд. Онҳо на танҳо дурӯя, балки дурӯғгӯй низ ҳастанд. Таълимоти онҳо пайрави ҳақиқати Каломи Худо нест; онҳо инро медонанд ва одамонро дидаву дониста фиреб мекунанд.

*Виҷдони* онҳо *бо доғе гӯё беҳис шудааст.* Шояд замоне дар ҷавонӣ виҷдони онҳо ҳассос буд, аммо онҳо овози онро муддати зиёд хомӯш мекарданд. Дар натиҷа виҷдони онҳо ҳама гуна ҳассосиро гум карда, бо қабати пӯст пӯшида шудааст. Онҳо чизҳои тамоман бардурӯғро таълим дода, бе шарму ҳаё Каломи Худоро таҳриф мекунанд.

**4,3** Ин ҷо дуто аз таълимоти зиёди иблисона баён карда шудааст. Аввалӣ изҳор мекунад, ки *никоҳ* мумкин нест. Аммо Каломи Худо чизи баръаксро таълим медиҳад. Никоҳро Худи Худо ҳанӯз пеш аз ба ҷаҳон ворид шудани гуноҳ таъсис намудааст. Дар муносибатҳои никоҳӣ ҳеҷ чизи нопок нест, ва ҳангоме ки муаллимони дурӯғин никоҳро манъ мекунанд, онҳо он чизеро, ки Худо муқаррар кардааст, беэътибор мекунанд.

Мисоли чунин таълимоти дурӯғин – қонунест, ки *никоҳро* барои категорияи муайяни коҳинон ва роҳибаҳо *манъ мекунад.* Ин оят ба таълимоти спиритистҳо, ки «хешовандии рӯҳӣ» номида мешавад, муносибати бевосита дорад. Он ҷо, ба қавли А. Ҷ. Поллок, «муносибатҳои никоҳӣ масхара карда мешаванд, дар амал мардон ва занонро васваса мекунанд, то ҳамсарони қонунии худро тарк карда, бо хешовандии рӯҳии номниҳоди онҳо ба алоқаи фосидона ва ғайриқонунӣ дароянд». Ин ҷо оид ба муносибати «Илми масеҳӣ» ба никоҳ ёдрас намудан мумкин аст. Асосгузори ин фирқа, хонум Эддӣ, ки се бор ба шавҳар баромадааст, чунин навишта буд:

*То даме ки Падари ҳама будани Худоро дарк накунанд, никоҳ мавҷудияташро давом медиҳад ... Майл ба оиладорӣ, ки ҳоло вуҷуд дорад, ва замоне дар байни мо ҳам факти муқарраршуда буд, бояд аз байн равад.*[13]

Таълимоти дуюми иблисона аз *хӯрокҳои* муайян даст кашиданро фармон медиҳад. Инро спиритистҳо таълим медиҳанд. Онҳо изҳор менамоянд, ки истеъмоли гӯшти ҳайвонот ба робита бо рӯҳҳо халал мерасонад. Теософҳо ва пайравони ҳиндуия аз фикри беҷон кардани ягон ҳайвон ба даҳшат меоянд ва бовар мекунанд, ки ҷони одам метавонад баргардад ва дар ҳайвоне ва ё ягон махлуқи дигар зиндагӣ кунад.

Ҷонишини «онро» ҳам ба никоҳ ва ҳам ба *хӯрок* дахл дошта метавонад. Ҳам ин ва ҳам онро *Худо офаридааст,* то ки мо аз онҳо бо шукргузорӣ лаззат барем. Ӯ онҳоро на танҳо барои наҷотнаёфтагон, балки низ барои

*имондорон ва донандагони ростӣ* муқаррар кардааст.

**4,4** *Ҳар офаридаи Худо хуб аст.* Ҳам никоҳ, ҳам хӯрок офаридаи Худост *ва ҳеҷ чиз набояд рад карда шавад, агар онро бо шукргузорӣ истеъмол кунанд.* Худо никоҳро барои афзоиши насли башар муқаррар намудааст (ниг. Ҳас. 1,28), хӯрокро бошад – барои нигаҳдории ҳаёт (Ҳас. 9,3).

**4,5** *Каломи Худо* ҳам никоҳро (1Қур. 7; Ибр. 13,4), ҳам хӯрокро (Ҳас. 9,3; Марқ. 7,19; Аъм.10,14.15 ва 1Қур. 10,25.26) барои одам *тақдис* менамояд.

Онҳо ба воситаи *дуо* низ *муқаддас* шудаанд. Пеш аз ибтидои хӯрокхӯрӣ мо бояд сарҳоямонро хам карда, барои он шукр гӯем (ниг. Мат. 14,19; Аъм. 27,35). Мо бо ин аз Худованд хоҳиш мекунем, ки хӯрокро барои тақвияти қувваи ҷисмонии мо муқаддас намояд, то ки мо боз ҳам боғайраттар ба Ӯ хизмат карда тавонем. Пеш аз ақди никоҳ мо бояд дуо кунем, ки Худо ин иттиҳодро барои ҷалоли Худ, барои баракати дигарон ва барои бахти арӯсу домод баракат диҳад.

Хеле хуб аст, вақте ки масеҳиён дар ҳузури шахсони наҷотнаёфта барои хӯрок шукргузорӣ мекунанд. Шукргузорӣ набояд дабдабанок ва дурудароз бошад, аммо мо ҳамчунин мо набояд пинҳон кунем, ки барои хӯрокамон Худоро шукр мегӯем.

### Б. Рағбатнок намудан ба парҳезгорӣ ҳамчун ҳимояи беҳтарин аз муртадии меомада (4,6-16)

**4,6** Ҳама чизи дар оятҳои 1-5 гуфташударо *ба бародарон* гуфта, Павлус изҳори боварӣ мекунад, ки Тимотиюс *хизматгузори неки Исои Масеҳ* хоҳад буд. Вай хизматгоре хоҳад буд, ки *аз суханони имон ва таълимоти неке ки пайравӣ* кард, *ғизо* мегирад.

**4,7** Дар ин оятҳо Павлус оид ба хизмати масеҳиёна ҳикоят мекунад, чунон ки агар он як намуди мусобиқаҳои варзишӣ мебуд. Дар ояти 6 вай оид ба парҳези хӯрок барои касе мегӯяд, ки ба Масеҳ хизмат мекунад: вай бояд аз суханони имон ва таълимоти нек ғизо гирад. Дар ояти 7 расул оид ба *машқе* сухан меронад, ки мақсадаш *худотарсӣ* аст.

Павлус ба Тимотиюс маслиҳат медиҳад, ки *аз афсонаҳои худобехабаронаи пиразанҳо рӯй гардонад.* Вай набояд бо онҳо мубориза барад ва ё вақтро барои онҳо сарф кунад. Ба ҷои ин вай бояд ба онҳо бо нафрат муносибат кунад. Ибораи *афсонаҳои пиразанҳо* водор менамояд «Илми масеҳӣ»-ро ба ёд оварем, фирқаеро, ки зане таъсис додааст ва он махсусан барои занҳои солхӯрда дилкаш буда, ба ҷои ҳақиқат қиссаҳоро таълим медиҳад.

Ба ҷои ба асотир ва *афсонаҳо* сарф намудани вақт вай бояд *худро дар худотарсӣ машқ* диҳад. Ин гуна машқ хондан ва таълими Навиштаи Муқаддас, дуо, андешаронӣ ва шаҳодат ба дигаронро дар бар мегирад. Сток мегӯяд: «Дар роҳи парҳезгорӣ шамоли мусоид нест, ҷараёни майлҳо ҳамеша муқобили мост». Лозим меояд, ки машқ ва кӯшишҳо намоем.

**4,8** Ин ҷо ду намуди *машқ* муқобил гузошта мешаванд. *Машқи ҷисмонӣ* барои бадан фоидаи муайяне доранд, аммо ин фоида маҳдуд ва гузаранда аст. *Худотарсӣ* бошад барои ҷон, рӯҳ ва бадани одам фоида дорад, ва на танҳо дар вақт, балки дар абадият низ. Дар *ҳаёти* ҳозира парҳезгорӣ хурсандии бузург медиҳад, дар *ҳаёти оянда* бошад он ваъдаи мукофоти олидараҷа ва тавони лаззат бурдан аз тамоми шукӯҳмандии онро дар худ дорад.

**4,9** Ҳама эътироф менамоянд, ки ин оят ба гуфтаи пештара оид ба худотарсӣ дахл дорад. Он факт, ки парҳезгорӣ арзиши азим ва абадӣ дорад, *сухани боварибахш ва сазовори қабули куллӣ аст.* Ин сухани дурусти сеюм дар ин нома аст.

**4,10** *Барои ҳамин ҳам мо меҳнат мекунем ва хорӣ мебинем.*[14] Асоси ҳамин меҳнат ҳаёти худотарсона аст. Павлус изҳор менамояд, ки ин мақсади бузургест, ки вай бо тамоми қувва барои он саъю кӯшиш мекунад. Дар назари беимонон ин гуна ҳадаф ҳеҷ арзише надорад. Аммо масеҳӣ назар ба чизҳои гузарандаи ин ҷаҳон дуртар нигоҳ мекунад ва умедро ба *Худои зинда* вогузор мекунад. Ин умед ҳеҷ гоҳ фиреб карда наметавонад, чунки Ӯ *Худои зинда* мебошад, *ки Ӯ Наҷотдиҳандаи ҳамаи одамон, хусусан имондорон аст. Худо* ба он маъно *Наҷотдиҳандаи ҳамаи одамон* аст, ки онҳоро дар вазъиятҳои ҳаёти ҳаррӯза муҳофизат мекунад. Аммо Ӯ Наҷотдиҳандаи онҳо ба он маъное низ ҳаст, ки пештар ишора шуда буд: Ӯ барои наҷот додани *ҳамаи одамон*

ҳамаи чораҳоро андешид. Ӯ Наҷотдиҳандаи алалхусус онҳоест, ки *имондор* мебошанд, чунки онҳо наҷоти пешниҳодкардаи Ӯро қабул намуданд. Гуфтан мумкин аст, ки Худо барои ҳамаи одамон Наҷотдиҳандаи имконпазир ва барои онҳое ки имон овардаанд – Наҷотдиҳандаи амалӣ аст.

**4,11** *«Ҳамин»* гуфта ҳамаи он чи Павлус дар дар оятҳои 6-10 гуфта буд, дар назар дошта шудааст. Ин насиҳатҳо бояд мавзуъҳои мавъизаҳои Тимотиюс шаванд, вай бояд доимо онҳоро ба халқи Худо *таълим* диҳад.

**4,12** Ҳангоме ки ин мактуб навишта мешуд, Тимотиюс, аз афташ, сӣ-сию панҷсола буд. Дар назди баъзе усқуфони (нигаҳбонони) ҷамоати Эфесус вай аз афташ, тамоман ҷавон менамуд. Ана барои чӣ Павлус ин ҷо гуфтааст: *«Бигзор ҳеҷ кас туро ба сабаби ҷавонӣ хор нашуморад»*. Ин маънои онро надорад, ки Тимотиюс бояд ба зинаи шукӯҳ барояд ва худро барои ҳама гуна танқид дастнорас ҳисобад. Аммо вай бояд тавре рафтор кунад, ки ҳеҷ кас таъна зада натавонад. Баҳри *намунаи ибрат* шудан ба масеҳиён кӯшиш намуда, вай бояд ба танқиди асоснок баҳона надиҳад.

Ифодаи *«дар сухан»* ба сухангӯиҳои Тимотиюс дахл дорад. Гуфтори вай бояд ҳамеша ба хислати фарзанди Худо мувофиқ бошад. Вай бояд на танҳо аз суханони манъшуда, балки аз суханоне низ худдорӣ кунад, ки шунавандагонашро обод намекунанд.

*«Дар рафтор»* тамоми кирдори одамро дар назар дорад. Дар рафтори вай ҳеҷ чиз набояд номи Масеҳро доғдор кунад.

*«Дар муҳаббат»* оид ба он мегӯяд, ки муҳаббат бояд водоркунандаи асосӣ ва рӯҳияи амалҳои вай, ва ҳадафе бошад, ки ин амалҳо ба он равона шудаанд.

Агарчи ифодаи *«дар рӯҳ»* дар баъзе дастнависҳои қонунӣ нест, дар дастнависҳои анъанавӣ ва дар бисёрии матнҳо ҳаст. Гай Кинг менависад, ки *серғайратӣ,* чунон ки вай ин ибораро мефаҳмад, «... сифатест, ки ба таври ҳайратовар дар лавҳачаи рассомии (маҷмуи рангҳои) бисёр масеҳиён нест. Мо дар ҳама чиз серғайрат ҳастем аз бозии футбол то маъракаи интихобот, аммо фақат на дар хизмат ба Худо. Фаъолияти боҷидду ҷаҳди шоҳидони Яҳува, мормонҳо ва коммунистонро дида, мо бояд хеле шарм кунем. Оҳ, куҷост он ғайратмандии пурҷӯшу хурӯш, ки як замоне ба Ҷамоат хос буд?! Ин рӯҳияи бузург ба Тимотиюс, ки кӯшиш мекунад мавқеъҳои худро мустаҳкам намуда ба ҳуҷум гузарад, мадади бебаҳое хоҳад расонд».[15]

*«Дар имон»* аниқтараш маънои «дар садоқат»-ро дошта, боварибахшӣ ва устувориро дар назар дорад.

*Покӣ* бояд на танҳо ба амалҳои вай, балки ба сабабҳои водоркунандаи вай низ хос бошад.

**4,13** Ин оят аз ҳаёти шахсии Тимотиюс дида бештар ба ҷамоати маҳаллӣ дахл дорад. Дар ҷамъомадҳои ҷамоатӣ вай бояд Навиштаро *хонад*, масеҳиёнро *насиҳат* кунад ва ба онҳо *таълим* диҳад. Павлус инро бо тартиби муайян номбар мекунад. Аввал вай зарурати *хондани* Каломи Худоро таъкид мекунад. Дар он замон ин махсусан муҳим буд, чунки миқдори лӯлапечҳои Навишта хеле маҳдуд буд ва на ҳама онро доштанд. Навиштаро хонда, Тимотиюс мебоист масеҳиёнро дар асоси чизи ҳозир хондааш насиҳат мекард, сипас ба онҳо ҳақиқатҳои бузурги Худоро таълим медод. Ояти 13 ба мо Наҳемё 8,8-ро хотиррасон мекунад: «Ва китоби Тавроти Худоро батафсил хонданд ва шарҳ доданд, то он чиро, ки хонданд, фаҳманд».

Аммо набояд чунин ҳисобем, ки ин оят ба мустақилона Навиштаи Муқаддасро хондани ҳар як масеҳӣ робитае надорад. Пеш аз он ки дигаронро насиҳат намуда, суханро таълим дода тавонад, Тимотиюс мебоист ҳақиқатҳои онро дар ҳаёти худ меомӯхт ва амалӣ мегардонд.

**4,14** Ба мо гуфта нашудааст, ки кадом *ато* ба Тимотиюс дода шуда буд: муждабарӣ, шубонӣ ё муаллимӣ. Мазмуни умумии номаҳо ба фикре меорад, ки вай шубон-муаллим буд. Аммо мо медонем, ки *ато* ба вай *ба воситаи пайғамбарӣ бо гузоштани дастҳои пирон дода шуда* буд. Пеш аз ҳама, он *ба воситаи пайғамбарӣ дода шуда* буд. Ин чунин маъно дорад, ки пайғамбари ҷамоати маҳаллӣ боре бархоста гуфт, ки Рӯҳулқудс ба Тимотиюс *атое* додааст. Пайғамбар ин бахшоишро ба вай надода буд, балки фақат эълон намуд. Сипас *пирон даст гузоштанд.* Боз такрор мекунем, ки усқуфон (нигаҳбонон), ё *пирон* қудрати ба Тимотиюс ато намудани бахшоишро надоштанд. Ба вай даст гузошта, онҳо эътирофи умумро оид ба амали Рӯҳулқудс изҳор намуданд.

Ин раванд дар китоби Амалҳо 13 тасвир шудааст. Дар ояти 2 Рӯҳулқудс Барнаббо ва Шоулро барои кори мушаххас интихоб намуд. Пурра имкон дорад, ки хости Ӯ ба воситаи пайғамбар расонда шуда бошад. Сипас бародарони маҳаллӣ баъд аз рӯза ва дуо ба онҳо даст гузошта, онҳоро равона карданд (о. 3).

Бисёр ҷамоатҳои масеҳӣ имрӯзҳо ҳам ин тарзи рафторро пайравӣ мекунанд. Вақте ба усқуфон (нигаҳбонон) аён мегардад, ки аз Рӯҳулқудс ягон ато ба касе дода шудааст, онҳо бовариро ба ин шахс ва эътирофи амали Рӯҳулқудсро дар ҳаёти вай нишон дода, ин шахсро ба кори хизмат ба Худованд тавсия мекунанд. Онҳо бо дастгузории худ ба вай ягон хел ато намедиҳанд, балки танҳо эътироф мекунанд, ки инро аллакай Рӯҳи Худо кардааст.

Байни он чи бо Тимотиюс ҳангоми ба вай даст гузоштани усқуфон (нигаҳбонон) рӯй дод ва ҳангоме худи ҳамон корро Павлус кард (2Тим. 1,6), фарқи зиёде ҳаст. Дар ҳолати якум ин ба ҳеҷ ваҷҳ расмӣ набуд ва бо сарчашмаи ато робитае надошт. Он танҳо ҳамраъйии усқуфонро (нигаҳбононро) бо Тимотиюс дар кори вай ифода намуд. Дар ҳолати дуюм Павлус ҳамон канали расулонае буд, ки ин бахшоиш ба воситаи он дода шуд.

**4,15** Суханони *«ба ин чизҳо ғамхорӣ намо»-ро* ҳамчун «инро инкишоф деҳ» ё «барои ин ҷидду ҷаҳд намо» тарҷума кардан мумкин мебуд. *Худро ба онҳо бахш.* Павлус Тимотиюсро даъват менамояд, ки худро пурра ва бемайлон ба хизмат баҳри Худованд бахшад. Он гоҳ *пешрафти* вай *ба ҳама намоён мешавад.* Павлус намехост, ки Тимотиюс дар хизмати масеҳиёнааш як теппаеро фатҳ намуда, қаноат кунад ва ба роҳи барояш қулай равона шавад. Не, расул мехост, ки вай боз ҳам баландтар барояд, дар роҳи Худованд боз ҳам пештар равад.

**4,16** Ба пайдарҳамӣ аҳамият диҳед. Аввал Тимотиюс бояд *ба* худаш диққат диҳад, сипас *ба таълим.* Ин боз як бори дигар таъкид менамояд, ки то чӣ андоза барои ҳар як хизматгори Масеҳ покӣ дар ҳаёти шахсии вай муҳим аст. Агар дар ҳаёти вай гуноҳ ҳукмфармо бошад, пас, агарчи ақидаҳояш ба Навиштаи Муқаддас мувофиқат кунанд ҳам, аз онҳо фоидае нест. Чунон ки А. В. Пинк гуфтааст: «Хизматгузорӣ дом ва ҳатто бадӣ мешавад, агар ба он имкон диҳем, ки парастиши Худо ва ғамхорӣ оид ба ҳаёти шахсии рӯҳониро танг карда барорад».

Доимо бо чизҳое ки Павлус пештар гуфта буд, яъне бо қироат, насиҳат ва таълим машғул шуда, Тимотиюс *ҳам худро ва ҳам шунавандагонашро наҷот медиҳад.* Ин ҷо *«наҷот»* бо наҷоти ҷон ҳеҷ алоқае надорад. Ин боб бо тасвири муаллимони дурӯғин, ки дар сафҳои халқи Худо ошӯб ворид сохта буданд, сар шуда буд. Акнун бошад Павлус ба Тимотиюс мегӯяд, ки тарзи парҳезгоронаи зиндагиро пеш бурда ва Каломи Худоро дуруст пайравӣ намуда, вай ҳам худро ва ҳам шунавандагонашро аз ин муаллимони дурӯғин *наҷот* медиҳад.

## V. НАСИҲАТҲОИ МУШАХХАС БА ГУРӮҲҲОИ МУХТАЛИФИ МАСЕҲИЁН (5,1–6,2)

### А. Ба намояндагони гурӯҳҳои синну солашон гуногун (5,1-2)

**5,1** Ин оят ҳамчун муқаддимаест барои насиҳатҳои Павлус оид ба он ки Тимотиюс нисбати аъзоёни оилаи масеҳие ки дар байнашон кор мекунад, чӣ гуна рафтор намояд. Барои Тимотиюс, ки ҷавонтар ва, шояд, боғайраттар буд, бо баъзе *пирамардон* пурсаброна ва бо тамкин муошират кардан душвор буд; сабаби огоҳкунӣ оид ба сахт *сарзаниш* накардани *пирамард, балки чун падар насиҳат* додан дар ҳамин аст. Барои вай, ки ҷавонтар аст, ин гуна одамонро бо суханони дурушт сарзаниш кардан шоиста нест.

Хизматгори ҷавони Худоро хатари дигаре низ интизор буд: дар муносибат бо *ҷавонон* бо оҳанги фармон сухан рондан. Бинобар ин Павлус ба вай амр медиҳад, ки бо ҷавонон ҳамчун бо *бародарон* муносибат кунад, бо онҳо муносибати баробар кунад, на ин ки мутакаббирона.

**5,2** Ба *занҳои* солхӯрда вай бояд, чун бо *модарон,* бо муҳаббат ва эҳтиром муносибат кунад.

Муносибатҳои вай бо *ҷавонзанон* бояд *пок* бошанд. Вай бояд на танҳо аз чизи гуноҳолуд, балки низ аз амалҳои беандеша ва рафторе канора ҷӯяд, ки касе дар паси он бадиро дида метавонад.

**Б. Ба бевазанон (5,3-16)**

**5,3** Дар оятҳои 3-16 Павлус оид ба бевазанон дар ҷамоати маҳаллӣ ва оид ба он сухан меронад, ки бо онҳо чӣ гуна бояд муносибат кард.

Пеш аз ҳама, ҷамоати маҳаллӣ бояд *бевазанони ҳақиқиро эҳтиром намояд. Эҳтиром* гуфта, ин ҷо на танҳо ҳурмат, балки ёрии молиявӣ низ дар назар дошта шудааст. Бевазани ҳақиқӣ онест, ки ҳеҷ сарчашмаи даромад надорад ва барои давом додани мавҷудияти худ дар ҳама чиз ба Худованд таваккал мекунад. Вай ҳеҷ хешованде надорад, ки барояш ғамхорӣ мекарда бошад.

**5,4-5** Дар ин оят гурӯҳи дигари *бевазанон* тасвир шудааст. Онҳо касоне ҳастанд, ки *фарзандон* ва *набераҳо* доранд. Дар ин ҳолатҳо *фарзандон* бояд тақводории ҳақиқиро омӯхта, ба модар (ё модаркалон) барои ҳамаи некиҳои кардааш якбаҳазор инъом диҳанд. Ин оят возеҳан мегӯяд, ки тақводорӣ дар *оила* сар мешавад. Шаҳодати онҳое ки оид ба дини худ бо овози баланд мегӯянд, аммо ба одамоне ки бо онҳо робитаи хунӣ доранд, беэътиноӣ мекунанд, ба имони масеҳӣ зарар мерасонад.

Ба Худо *писандида аст*[16], ки масеҳӣ оид ба хешовандони худ ғамхорӣ кунад, вагарна онҳо бе воситаҳои рӯзгузаронӣ мемонанд. Дар Эфесусиён 6,2 расул Павлус равшан таълим медиҳад: «Падар ва модари худро иззат намо, ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда». Чунон ки зикр шуда буд, *бевазани* ҳақиқӣ онест, ки даромад надорад ва ба ғайр аз *Худо* аз ҳеҷ каси дигар интизори ёрмандӣ буда наметавонад.

**5,6-7** Бевазани ояти 5 хилофи бевазанест, ки *дар айшу нӯш умр мегузаронад.* Дар масъала оид ба он ки ин бевазан масеҳист ё танҳо ҳамин тавр худро меномад, ихтилофи ақидаҳо ҳаст. Мо чунин меҳисобем, ки вай масеҳии ҳақиқист, аммо дар имон ақиб мондааст. Вай дар ҳама чизе ки ба мушоракат бо Худо ё нафъ барои кори Ӯ дахл дорад, *мурда аст.* Тимотиюс мебоист ин гуна бевазанонро меогоҳонид, ки аз пайи *айшу нӯш* нашаванд, ва низ масеҳиёнро таълим медод, ки оид ба хешовандони муҳтоҷашон ғамхорӣ намоянд.

**5,8** Павлус тамоми ҷиддияти амали касонеро, ки ба *хешовандонашон* ва *алалхусус ба аҳли хонаи худ* ғамхорӣ намекунанд, таъкид мекунад. Чунин рафтор инкори имони масеҳӣ аст. Имони масеҳӣ доимо изҳор менамояд, ки ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ бояд ба якдигар ғамхорӣ кунанд. Инро накарда, масеҳӣ бо амалҳои худ аз он ҳақиқатҳое ки масеҳият таълим медиҳад, даст мекашад. Ин гуна одам *аз беимонон бадтар аст,* зеро бисёр беимонон ба хешовандони худ ғамхории риққатовар зоҳир мекунанд. Илова бар ин, чунин имондор бо амалҳои худ ба номи Худованд беобрӯиро оварда метавонад, ки беимон инро намекунад.

**5,9** Ин оят ба фикре водор менамояд, ки дар ҷамоати маҳаллӣ рӯйхати номҳои бевазаноне буд, ки он ба онҳо ёрмандӣ мекард. Павлус аниқ мекунад, ки ба он набояд номҳои бевазаноне дохил карда шавад, ки ба *шастсолагӣ* нарасидаанд.

Ибораи *«як шавҳар карда бошад»* ҳамон мушкилотеро ба миён меорад, ки оятҳои ба диаконҳо (хизматгузорон) ва усқуфон (нигаҳбонони ҷамоат) бахшидашуда доранд. Тафсирҳое ки оварда мешаванд, ба ҳамонҳое ки пештар зикр шудаанд, монананд. Маънои он ҳар гуна ки бошад, як чиз аниқ аст: ҳаёти ҳамсаронаи ин зан бояд аз ҳар гуна эродҳо болотар бошад, ба он набояд ҳатто сояи гумон оид ба бадахлоқӣ афтад.

**5,10** Барои ба рӯйхат дохил карда шудан бевазан бояд *дар амалҳои некаш шаҳодате дошта бошад,* то аз савияи баланди рӯҳии вай дарак диҳад.

Суханони *«фарзандонро тарбия дода бошад»,* бешубҳа, чунин маъно доранд, ки акнун ҳам вай ва ҳам оилаи масеҳӣ аз самари кӯшишҳои худ фахр карда метавонанд: хизмати шоистаи модар на дар он аст, ки фарзандонро фақат калон кунад, балки дар он аст, ки онҳоро хуб тарбият намояд.

Боз як хислати хоси бевазани тақводор меҳмоннавозӣ нисбати *ғарибон* мебошад. Аҳди Нав гаштаву баргашта оид ба некӯии ғарибнавозӣ, ки болотар аз ҳама таҳсинҳост, сухан меронад.

Шустани пойҳои меҳмонон вазифаи ғулом буд. Бинобар ин, бешубҳа, ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки бевазан барои масеҳиён аксаран корҳои ифлостарин ва пасттаринро ба ҷо меовард. Аммо ин онро низ ифода карда метавонад, ки вай *пойҳои муқаддасонро* ба маънои рӯҳонӣ *мешуст:* «бо оби Калом». Дар назар дошта нашудааст, ки вай дар назди омма мавъиза мекард, не, вай ба хонаҳо омада, бо

Каломи Худо масеҳиёнро аз ифлосии дар давуғеҷи ҳаррӯза мечаспида пок мекард.

*Аламзадагонро дастгирӣ намудан* – корҳои раҳмдилӣ мебошанд, ки барои беморон, мусибатзадагон ва беҳолшудагон карда шудаанд.

Хулласи сухан, барои ба ин рӯйхати ҷамоати маҳаллӣ даровардa шудан бевазан мебоист бо *пайравӣ ба ҳар амали нек* фарқ мекард.

**5,11** Ин ояти душвор аст, аммо, ба фикри мо, маънои он чунин аст: одатан, *бевазанони ҷавонтарро* ба ғамхории ҷамоати маҳаллӣ супоридан ғалат мебуд. Онҳо ба сабаби ҷавон буданашон, шояд, *мехоҳанд* боз *шавҳар кунанд*. Худ аз худ ин хоҳиш нораво нест, аммо он баъзан чунон қавӣ мешавад, ки баъзе бевазанони ҷавон ҳатто ба беимонон шавҳар мекунанд. Расул инро рафторе меҳисобад, ки *онҳоро аз Масеҳ дур месозад*. Ҳангоме ки бевазани ҷавон дар назди интихобе меистад: ба бутпараст шавҳар кунад ё аз боиси муҳаббат ба Масеҳ ва итоат ба Каломи Ӯ бешавҳар монад, вай *мехоҳад шавҳар кунад*. Ин, албатта, ҷамоати маҳаллиро, ки вайро тарафдорӣ мекунад, дучори маҳкумият менамояд.

**5,12** *Маҳкум шудан* ин ҷо на ҳалокати ҷовидонӣ, балки онро ифода мекунад, ки *имони пештараро рад карда*, вай *маҳкум мешавад*. Пештар вай оид ба садоқати бузург ва вафодорияш ба Худованд Исои Масеҳ сухан меронд, аммо акнун, ҳангоме имконияти шавҳар кардан ба шахсе пайдо шуд, ки Масеҳро дӯст намедорад, вай ҳамаи қасамҳо ва ваъдаҳои худро ба Масеҳ фаромӯш карда, бо беимон меравад ва ба Домоди осмонӣ хиёнат мекунад.

Павлус бевазанони ҷавонро барои никоҳ карданашон маҳкум намекунад. Гузашта аз ин, вай боисрор инро барояшон маслиҳат медиҳад (о. 14). Вай танҳо таназзули рӯҳониро, ҳама чизи илоҳиро баҳри шавҳар кардан тарк кардани онҳоро қабул намекунад.

**5,13** Қарори ҷамоати маҳаллӣ оид ба ёрии моддӣ расондан ба бевазанони ҷавон метавонад онҳоро ба тарзи зиндагии танбалона бо тамоми натиҷаҳои он водор намояд. Онҳо ба ҷои бо корҳои худ машғул шудан ғайбатгӯӣ мекунанд, ва ба масъалаҳое ки ба онҳо дахле надоранд, бинӣ мехалонанд. Ҳеҷ кадом иқдоми ҷамоати маҳаллӣ набояд ин гуна рафторро ҳавасманд кунад, зеро, чунон ки зикр шуда буд, ин ба шаҳодати масеҳиёна таъсири манфӣ мерасонад.

**5,14** Барои ҳамин ҳам Павлус мегӯяд, ки одатан беҳтар аст *ҷавонзанон шавҳар кунанд, бача зоянд, бо рӯзгори хонаи* масеҳӣ *машғул шаванд* ва ба ҳар гуна эродҳо асосе надиҳанд. Павлус, албатта, мефаҳмид, ки на ҳамаи бевазанони ҷавон дубора шавҳар карда метавонанд. Ташаббус ин ҷо ба мард тааллуқ дорад. Аммо вай танҳо нишондоди умумӣ медиҳад, ки ба қадри имкон онро пайравӣ кардан лозим аст.

*Душман,* ё шайтон, доимо дар ҷустуҷӯи айбдоркуниҳо бар зидди шаҳодати масеҳиёна мебошад, ва Павлус бар зидди ҳамаи он чи *асос* барои *бадгӯӣ* буда метавонад, чораҳои эҳтиётӣ меандешад.

**5,15** Дар он чи расул оид ба бевазанони ҷавон гуфта буд, танҳо тахминҳо ва ё фаразияҳо нестанд. Ин аллакай ба амал омадааст. *Баъзеи онҳо аз пайи шайтон рафтанд* ба он маъное ки ба овози иблис гӯш доданд ва, бар хилофи Каломи Худо, ба беимон шавҳар карданд.

**5,16** Ин ҷо расул боз ба уҳдадории хешовандон оид ба ғамхорӣ дар ҳаққи якдигар бармегардад. *Агар мард*[17] *ё зани имондоре* дар оила бевазани муҳтоҷи ёрӣ дошта бошад, пас вай бояд ин ғамхориро ба дӯши худ гирад, то *ҷамоат* ба муҳтоҷони ҳақиқӣ, ки хешовандони наздик надоранд, бештар диққат дода тавонад.

Дар ин фасл, дар оятҳои 3-16, оид ба он гуфта мешавад, ки ҷамоат дар ҳолатҳои муайян *бояд* чӣ кунад, на ин ки чӣ карда *метавонад,* агар вазъият мусоид шавад ва ҷамоат қарор диҳад, ки аз уҳдаи он мебарояд. Ҳаҷми ин параграф гувоҳи он аст, ки то чӣ андоза ин мавзӯе ки аксари ҷамоатҳо сарфи назар мекунанд, барои Рӯҳулқудс муҳим аст.

### В. Ба пирон (5,17-25)

**5,17** Оятҳои боқимондаи ин боб ба пирон бахшида шудаанд. Пеш аз ҳама Павлус қоидае муқаррар мекунад: *Пироне ки нағз сардорӣ мекунанд, эҳтироми дучандро сазоворанд.* Ибораи *«сардорӣ кардан»-ро* «роҳнамоӣ кардан» тарҷума кардан беҳтар мебуд (Дарбӣ). Ин ҷо аз назорат дида бештар масъалаи намунаи ибрати шахсӣ аст. Ин гуна пирон сазовори *эҳтироми* дучанд ҳастанд. *Эҳтиром* ин ҷо

ҳурматро ва на танҳо ҳурматро, балки, шояд, мукофоти пулиро низ дар назар дошта метавонад (Мат. 15,6). *Эҳтироми дучанд* ҳам ин ва ҳам онро дар назар дорад. Пир пеш аз ҳама барои меҳнати худ сазовори ҳурмати халқи Худост, аммо агар вай ба ин меҳнат тамоми вақти худро сарф кунад, пас *сазовори* ёрдами пулӣ низ мебошад. *Онҳое ки дар ваъз ва таълим меҳнат мекунанд,* одамонеанд, ки ба ваъз ва таълим чунон вақти зиёдро сарф мекунанд, ки имкони барои рӯзгузаронӣ пул кор кардан надоранд.

**5,18** Барои исботи он ки пир сазовори мукофот аст, ду оят аз Навишта оварда шудааст. Якумаш аз Такрори Шариат 25,4, дуюмаш аз Луқо 10,7 гирифта шудааст. Ин оятҳо дар робита бо масъалаи илҳоми илоҳӣ доштани Навишта ҷолиби диққати махсусанд. Павлус аз Аҳди Қадим як оят ва аз Аҳди Нав як оят гирифта, онҳоро дар як зина мегузорад ва ба ҳар ду ҳамчун ба *Навишта* истинод мекунад. Расул, бешубҳа, чунин меҳисобид, ки ҳам Аҳди Қадим ва ҳам Аҳди Нав эътибори якхела доранд.

Ин оятҳо таълим медиҳанд, ки *барзагове* ки дар ғаллакӯбӣ хуб меҳнат мекунад, набояд аз ҳиссаи ғаллаи худ маҳрум шавад. *Меҳнаткаш* ба қисми самари меҳнати худ ҳақ дорад. Пирон низ ҳамчунин. Агарчи онҳо меҳнати ҷисмонӣ намекунанд, бо вуҷуди ин онҳо сазовори ёрмандии молиявии халқи Худо мебошанд.

**5,19** Дар ҷамоат мартабаи хеле масъулиятнок дошта, пирон ҳадафи дӯстдоштаи ҳуҷуми шайтон мешаванд. Бинобар ин Рӯҳи Худо чораҳои муайяне меандешад, то онҳоро аз айбдоркуниҳои бардурӯғ ҳимоя кунад. Ӯ қоидаеро муқаррар менамояд, ки то даме айбдоркунӣ бо суханони *ду ё се шоҳид* тасдиқ карда нашавад, *пир* танбеҳ дода намешавад. Умуман, ин қоида нисбати ҳар як узви ҷамоат амал мекунад, аммо ин ҷо он махсус таъкид карда мешавад, чунки хатари беадолатона айбдор кардани пир хеле калон аст.

**5,20** Агар пир дар гуноҳҳое айбдор дониста шавад, ки ба шаҳодати ҷамоат зарар мерасонанд, пас вайро дар ҳузури ҳама танбеҳ намудан даркор аст. Ин водор менамояд, то масеҳиён тамоми хатари гуноҳи ба хизматгузории масеҳиёна роҳёфтаро дарк кунанд, ва воситаи пешгирикунандаи хубест.

Баъзе тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки ояти 20 танҳо ба пир не, балки ба ҳамаи масеҳиён дахл дорад, аммо мувофиқи контексти оят, мазмуни он маҳз ба пирон дахл дорад.

**5,21** Ҳангоми дар ҷамоати маҳаллӣ ҳал кардани масъалаи ҷазодиҳӣ аз ду ифрот бояд канора ҷуст. Якуми онҳо *пешдоварӣ,* дуюмаш *рӯйбинӣ* аст. Пешдоварӣ бар зидди одам ба ҳалли кори вай таъсири манфӣ мерасонад. Ё ин ки мо аз сарватмандӣ, мартабаи баланди ҷамъиятӣ, ҷозибаи касе чашмҳоямон хира шуда, ба вай беғаразона муносибат карда наметавонем. Бинобар ин Павлус Тимотиюсро *дар пеши Худо ва Исои Масеҳи Худованд* ва низ *фариштаҳои интихобшуда* қасам медиҳад, ки ба насиҳатҳо пайравӣ карда, то ҷамъ овардани ҳамаи фактҳо касеро маҳкум накунад, ба касе танҳо барои дӯсти касе будан ва ё машҳур буданаш рӯйбинӣ накунад. Ҳар кор бояд ҳамчун *дар пеши Худо ва Исои Масеҳи Худованд* ва низ *фариштаҳои интихобшуда* дида баромада шавад. Фариштаҳо ҷаҳонеро, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, бо диққат мушоҳида мекунанд ва дар ҳалли масъалаҳои ҷазои ҷамоатӣ бояд адолати комилро бинанд. *Фариштаҳои интихобшуда* онҳое мебошанд, ки ба гуноҳ ва ё исён бар зидди Худо ҷалб нашуда, ҳолати аввалаи худро нигоҳ доштаанд.

**5,22** Ҳангоме ки каси машҳур узви ҷамоати маҳаллӣ мешавад, масеҳиён баъзан кӯшиш мекунанд, ки зудтар ӯро ба вазифаи роҳбарикунанда интихоб кунанд. Аммо Павлус Тимотиюсро аз шитобкорӣ дар эътирофи шахси навомада пешакӣ огоҳ мекунад. Вай ҳамчунин набояд бо шахсоне ки хислаташонро намедонад, ҳамраъйӣ зоҳир кунад, вагарна, чунин рафтор намуда, вай *ба гуноҳҳои дигарон шарик* мешавад. Вай бояд на танҳо покии ахлоқиро *нигоҳ дорад,* балки аз ҳар гуна ҳамроҳшавӣ бо гуноҳи дигарон канораҷӯӣ кунад.

**5,23** Гуфтан душвор аст, ки ин оятро бо ояти пештара чӣ мепайвандад. Шояд, расул хирадмандона пешбинӣ мекард, ки иштирок дар ҳалли мушкилот ва душвориҳои ҷамоат ба саломатии Тимотиюс таъсири бад мерасонад. Агар чунин бошад, пас Тимотиюс на аввалин ва на охирини онҳое буд, ки аз ин сабаб «меъдааш дар азоб буд». Агарчи, аниқтараш, Тимотиюс ҷабрдидаи доимии оби ифлосшуда буд, ки ҳоло ҳам дар баъзе кишварҳои ҷаҳон

вомехӯрад. Маслиҳати расул: *«Дигар фақат об нанӯш»* маънои онро дорад, ки Тимотиюс набояд фақат об нӯшад. Павлус ба вай маслиҳат медиҳад, ки *барои меъдааш ва нотобиҳои зиёди худ каме май ба кор* барад. Ин ҷо танҳо дар хусуси ба мақсадҳои тиббӣ истеъмол намудани май гуфта мешавад, ва ин оятро барои суиистеъмоли шароб ба кор бурдан лозим нест.

Бешубҳа, ин ҷо сухан на дар бораи шарбати ангур, балки оид ба майи ҳақиқӣ меравад. Аз эҳтимол дур аст, ки он замон умуман дар бораи шарбати ангур медониста бошанд, чунки он бо роҳи пастеризатсия, ки он вақт ҳанӯз маълум набуд, тайёр карда мешавад. Калимаҳои *«каме май»* ба он ишора мекунанд, ки ин майи ҳақиқӣ буд. Агар май ҳақиқӣ намебуд, сухани «каме» даркор намешуд.

Ин оят ба масъалаи «шифои илоҳӣ» низ рӯшанӣ меандозад. Агарчи Павлус ҳамчун расул, бешубҳа, қудрати шифо додани ҳама гуна бемориҳоро дошт, ин қудратро на ҳамеша ба кор мебурд. Ин ҷо вай истифодаи доруҳоро ҳангоми бемории меъда сафед мекунад.

**5,24** Таассуроте ҳосил мешавад, ки расул ба мавзуи дар ояти 22 бардошташуда бармегардад, ки вай он ҷо Тимотиюсро аз шитобкорӣ дар дастгузорӣ ба дигарон огоҳӣ дода буд. Оятҳои 24 ва 25 ин мавзуъро муфассалтар мефаҳмонанд.

*Гуноҳҳои баъзе касон ошкоранд,* чунон ошкор аст, ки монанди ҷорчӣ мебошад, ки пеш-пеши ин шахс рафта, ӯро дар тамоми роҳаш ба сӯи *маҳкумият* гуноҳкор эълон мекунад. Аммо на бо ҳама чунин аст. *Гуноҳҳои дигарон баъдтар ошкор мешаванд.* Ба гурӯҳи якум бадмастеро дохил карда метавонем, ки ба тамоми маҳал маълум аст. Аммо марде низ ҳаст, ки бо зани дигар ба алоқаи ишқии пинҳонӣ даромадааст. Ҳозир дар ин бора, шояд, касе пай набурдааст, аммо баъди муддате тамоми ҳақиқат берун мебарояд.

**5,25** Ҳаминро дар бораи шахсони хуб ҳам гуфтан мумкин аст. Корҳои неки баъзеҳо ба назари ҳар кас аён аст. Дигарон бошанд бештар хоксор ва дамдузданд, ва некии дили онҳо танҳо баъди муддате аён мешавад. Ҳатто агар мо ҳозир дар касе ҳеҷ некиеро набинем ҳам, эҳтимол, чизе дертар зоҳир мешавад. Мо аз ин бояд хулоса барорем: дар бораи шахс аз рӯи таассуроти аввалин баҳо додан лозим нест, бояд интизор шуд, то бо мурури замон хислати ҳақиқии вай ошкор шавад.

### Г. Ба ғуломон ва соҳибон (6,1-2)

**6,1** Акнун дар маркази диққати мо рафтори хизматгорон аст. Оид ба онҳо ҳамчун оид ба *ғуломоне ки зери юғ*, яъне *зери юғи* ғуломӣ *мебошанд,* сухан меравад. Пеш аз ҳама расул ба он ғуломоне мурочиат мекунад, ки хоҷагонашон беимонанд. Оё ғуломон дар ин маврид бояд мутакаббир бошанд? Оё бояд бар зидди соҳибонашон исён бардоранд ва гурехтанӣ шаванд? Ё бо ҳар тариқ аз кор канораҷӯӣ кунанд? Не, баръакс, онҳо *бояд хоҷагони худро сазовори эҳтироми комил донанд.* Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд соҳибонро ба таври даркорӣ ҳурмат кунанд, итоаткорона ва ғайратмандона кор кунанд ва кӯшиш кунанд, ки ёрмандиашон расад, на ин ки бори гарон шаванд. Барои ин гуна меҳнати ғайратмандона он чиз омили бузург мебошад, ки ба воситаи ин оид ба Масеҳ шаҳодат дода шавад. Агар ғулом-масеҳӣ дағал ва беитоат бошад, соҳиби вай ба *номи Худо* ва имони масеҳӣ лаънат хоҳад хонд. Вай ба хулосае меояд, ки масеҳиён одамони нобакор мебошанд.

Таърихи ҷамоати ибтидоӣ шаҳодат медиҳад, ки ғуломон-масеҳиён дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ аз беимонон қиматтар буданд. Вақте соҳиб медонист, ки ғуломи дар саҳн истода масеҳист, вай аксаран тайёр буд пули бештар диҳад, чунки шубҳае надошт, ки ин ғулом ба вай софдилона ва содиқона хизмат хоҳад кард. Ин арзи эҳтироми бузургест ба имони масеҳӣ.

Ин оят ба мо ёдрас мекунад, ки шахс дар зинаи поёнии иҷтимоӣ истода бошад ҳам, барои шаҳодат оид ба Масеҳ ва ҷалол додани номи Ӯ имкониятҳои номаҳдуде дорад.

Бисёриҳо ба он ишорат мекунанд, ки Аҳди Нав дар ҳеҷ ҷой ғуломдориро кушоду равшан маҳкум намекунад. Аммо бо вуҷуди ин, баробари паҳншавии масеҳият муносибати бад бо ғуломон низ аз байн рафт.

Ҳар масеҳии ҳақиқӣ бояд дарк намояд, ки вай ғуломи Исои Масеҳ аст. Вай бо нархи гарон харида шудааст; вай дигар ба худ тааллуқ надорад. Худи вай, рӯҳаш, ҷонаш ва баданаш аз они Исои Масеҳ аст, ва Масеҳ сазовори ҳама чизи беҳтаринест, ки вай дорад.

**6,2** Ояти 2 ба ғуломоне равона карда шудааст, *ки хоҷагони имондор доранд.* Васвасаи бо соҳибон *беэътиноӣ кардан,* албатта, бузург буд. Пурра имкон дорад, ки вақте ҷамоати маҳаллӣ бегоҳӣ дар рӯзи Худованд барои шикастани нон ҷамъ мешуд (Аъм. 20,7), дар назди дастурхон ҳам масеҳиён-соҳибон ва ҳам масеҳиён-ғуломон менишастанд – ҳама *бародарон* дар Исои Масеҳ. Аммо ғуломон аз ин набояд хулоса мебароварданд, ки акнун ҳамаи фарқҳои иҷтимоӣ нест карда шудаанд. Масеҳӣ будани соҳиби вай маънои онро надошт, ки ғулом набояд вайро эҳтиром намояд ва ба вай хизмат кунад. Масеҳӣ ва бародари дӯстдошта будани соҳиби вай бояд ғуломро водор кунад, ки барои ӯ боз ҳам боғайраттар кор кунад.

Хоҷагон-масеҳиён ин ҷо на танҳо *имондор* ва *дӯстдошта,* балки низ *онҳое ки баҳрае мебинанд,* номида шудаанд. Одатан дар ин ишораеро ба он мебинанд, ки онҳо низ дар баракати наҷот ҳиссае доранд. Аммо бо вуҷуди он ин суханонро чунин низ фаҳмидан мумкин аст: азбаски ҳам соҳибон ва ҳам ғуломон ба корҳои нек манфиатдоранд, онҳо бояд даст ба даст шуда, кӯшиш кунанд, ки ба якдигар ёрӣ расонанд.

Суханони *«инро таълим деҳ ва насиҳат намо»*, бешубҳа, ба насиҳатҳои зикршуда барои ғуломон-масеҳиён дахл доранд. Дар замони мо онҳо ба муносибатҳои корфармоён ва коргарон дахл доранд.

## VI. МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ВА ДӮСТ ДОШТАНИ ПУЛ (6,3-10)

**6,3** Акнун дар маркази диққати Павлус онҳое мебошанд, ки майл доранд дар ҷамоат таълимоти ба он бегонаро мавъиза намоянд. Ин одамон ба *суханони солим пайравӣ намекунанд. «Солим»* маънои «оварандаи саломатӣ»-ро дорад. Ҳангоме ки Худованди мо Исои Масеҳ дар ин ҷо, дар рӯи замин буд, *суханони* Ӯ ҳамин гуна буданд, ва мо онҳоро дар Инҷилҳо хонда метавонем. Тамоми таълимоти Аҳди Нав низ ба ҳамин дахл дорад. Ин ба он маъно *таълимоти худотарсӣ* аст, ки ба рафтори тақводорона рағбатнок мекунад.

**6,4** Ин гуна одамон *ҳавобаланд* мебошанд. Онҳо изҳор мекунанд, ки дониши олиро доро мебошанд, аммо дар асл *ҳеҷ чизро намедонанд.* Чунон ки Павлус пештар гуфтааст, онҳо намедонанд, ки дар бораи чӣ мегӯянд.

Онҳо то ба ҳадди ҷунун *ҷидолҳо ва баҳсҳоро* дӯст медоранд. Суханони *«ба беморӣ дучор шудааст»* маънои «касал»-ро доранд. Ин одамон рӯҳан беморанд ва ба ҷои он ки таълимоти оварандаи саломатиро мавъиза кунанд, суханонеро таълим медиҳанд, ки муқаддасонро бемор мекунанд. Онҳо масъалаҳои гуногунеро мебардоранд, ки барои насиҳати рӯҳонӣ хизмат намекунанд, ва оид ба калимаҳо мунοқиша мекунанд.

Азбаски мавзуи мунοқишаи онҳо бо таълимоти Навиштаи Муқаддас ҳеҷ муносибате надоранд, ба қарори ниҳоӣ омадан имкон надорад. Дар натиҷа таълимоти онҳо боиси *ҳасад, ҷанҷол, бадзабониҳо, гумонҳои бад* мешаванд. Ленскӣ навиштааст:

*Дар мунοқишаҳо ва мубоҳисоти онҳо яке ба чолокии дигаре ҳасад мебарад; бо мурури он ки онҳо бо ҳам мусобиқа карда, мухолифи якдигар мебароянд, ҷанҷолҳо аланга мегиранд; онҳо беш аз пеш куфрро ба забон меоваранд, яъне айбдоркуниҳо ва таҳдидҳоеро, ки бо суханони муқаддас ифода меёбанд.*[18]

**6,5** Ин *кашмакашҳои доимӣ* аз боиси *шахсони фикрашон фосид,* яъне ақлашон бемор аланга мегиранд. Ленскӣ аниқ гуфтааст:

*Ақли бемор дар ҳолати пӯсиш ва вайроншавӣ мебошад; дар соҳаи ахлоқӣ ва рӯҳонӣ имкониятҳои ақлӣ аллакай фаъолияти муътадил карда наметавонанд. Аксуламале ки онҳо ба ҳақиқат мекунанд, аз аксуламали солим дур аст. Воқеият ва акси ҳақиқии он бояд аксуламали қабули онро тавлид намоянд, ин махсусан ба ҳақиқати илоҳии наҷотбахши Хушхабар дахл дорад; аммо тамоми дурӯғ, таҳриф ва фасод, хусусан он чи ба соҳаи ахлоқӣ ва рӯҳонӣ дахл дорад, бояд аксуламали рад карданро тавлид намоянд ... Бо ҳақиқат рӯ ба рӯ шуда, ақли осебдида фақат раддияҳоеро ба муқобили он пешкаш карда метавонад; аммо бо чизи аз ҳақиқат фарқкунанда вохӯрда, вай сабабҳоеро мебинад ва меҷӯяд, ки аз боиси онҳо бояд ин фарқҳоро қабул кунад.*[19]

Ҳамчунин ин одамон *аз ҳақиқат дур* мебошанд. Замоне онҳо бо ин ҳақиқат шинос шуданд, аммо нурро рад карда, аз он *ҳақиқате* ки пештар доштанд, низ маҳрум шуданд.

Онҳо гумон доранд, ки *худотарсӣ манбаи фоида аст.* Аз афташ, онҳо аз он сабаб

муаллимони рӯҳонӣ шуданд, ки ин касбро фоиданок ҳисобиданд, зеро дар он ҳатто дар ивази кӯшишҳои андак ҳам маоши хуб ба даст овардан мумкин аст. «Онҳо даъвати поктаринро ба хунари фоиданок табдил медиҳанд».

Ин ба мо на танҳо шубонон-зархаридонеро ёдрас менамояд, ки худро хизматгорони Масеҳ вонамуд мекунанд, аммо нисбати ҳақиқат муҳаббати ҳақиқӣ надоранд, балки низ рӯҳи корчаллониро хотиррасон мекунад, ки тамоми масеҳияти ҳозираро фаро гирифтааст: фурӯхтани индулгенсияҳо (хати кафорати гунох), бозиҳои лотереявӣ, бозорҳо, маъракаҳои фурӯш ва ғайра. *Аз чунин шахсон канорагирӣ намо.*[20] Ба мо фармуда шудааст, ки аз ин гуна муаллимони гунаҳкор дур шавем.

**6,6** Дар ояти пештара фаҳмиши нодурусти *манфиат* нишон дода шудааст, ин ҷо бошад маънои ҳақиқии он ошкор карда мешавад. Иттиҳоди *худотарсӣ бо қаноатмандӣ манфиати зиёде дорад.* Шаҳодати танҳо худотарсӣ (тақводорӣ) бе қаноатмандӣ яктарафа мебуд. Қаноатмандӣ бе худотарсӣ бошад умуман ба хислатҳои хоси масеҳият тааллуқ надорад. Аммо дорои худотарсии ҳақиқӣ будан ва дар айни замон бо вазъи корҳои худ қаноатманд будан – инро бо ҳеҷ гуна пул харидан имкон надорад.

**6,7** Ин боб аз бисёр ҷиҳатҳо бо таълимоти Худованд Исо дар Мавъизаи болои кӯҳ монанд аст. Ояти 7 насиҳати Ӯро оид ба имон ба он ки Падари Осмонӣ ҳама чизи даркориро бароямон медиҳад, ёдрас мекунад.

Дар зиндагӣ се лаҳзае ҳаст, ки дастони мо тамоман холӣ мебошанд: ҳангоми зода шудан, ҳангоми назди Масеҳ омадан ва ҳангоми мурдан. Ин оят ба мо якум ва сеюмро ёдрас мекунад. *Зеро ки мо ба дунё чизе наовардаем, ва равшан аст, ки чизе аз он бурдан ҳам наметавонем.*

Искандари Мақдунӣ пеш аз марг гуфта буд: «Ҳангоме ки ман мемирам, маро бо сароҷа (занбар) пеши ҳама бароред; аммо дастонамро кафанпеч накунед, балки чунон гузоред, то ҳама бинанд, ки онҳо холиянд!»

Бейтс инро чунин тафсир медиҳад:

*Бале, ин дастоне ки замоне давлати мағруртарини ҷаҳонро идора мекарданд; замоне зафармандтарин шамшерро медоштанд; замоне пур аз симу зар буданд; қудрат доштанд риштаи ҳаёти касеро кананд ё наҷот диҳанд, – ин дастон акнун ХОЛИЯНД.*[21]

**6,8** Қаноатмандӣ он вақт меояд, ки талаботҳои асосии одам қонеъ карда шудаанд. Падари осмонии мо медонад, ки мо ба хӯрок ва пӯшок муҳтоҷем, ва ваъда додааст, ки ин чизҳоро ба мо медиҳад. Қисми зиёди ҳаёти шахси беимон дар ғамхорӣ оид ба *хӯрок ва либос* мегузарад. Аммо масеҳӣ бояд аввал Подшоҳии Худо ва росткории Ӯро ҷӯяд, ва Худо барои он ғамхорӣ хоҳад кард, ки вай ҳама чизро барои зиндагӣ дошта бошад.

Калимае ки ҳамчун «либос» тарҷума шудааст, ин ҷо маънои «пӯшиш»-ро бо зимни ҳам манзилгоҳ ва ҳам либос ифода мекунад. Мо ки *хӯрок, либос* ва ҷои зист *дорем,* бояд *аз он қонеъ шавем.*

**6,9** Оятҳои 9-16 бевосита ба онҳое равона шудаанд, ки хоҳиши хомӯшнашавандаи *сарватманд шуданро* доранд. Гуноҳи онҳо на дар он аст, ки онҳо сарватманд ҳастанд, балки дар он аст, ки инро бо шавқи зиёд хоҳонанд.

Онҳое ки *мехоҳанд сарватманд шаванд,* одамоне мебошанд, ки бо хӯрок, пӯшок ва манзилгоҳ қонеъ намешаванд, балки ҳирси чизи бештареро доранд.

Хоҳиши *сарватманд* будан одамонро ба *озмоиш* гирифтор мекунад. Барои ба даст овардани мақсади худ онҳо ба васвасаи фиреб ва зӯроварӣ дода мешаванд. Ба қатори воситаҳое ки вай ба кор мебарад, қимор, тиҷорати пулӣ дар биржа, фиреб, қаллобӣ, шаҳодати бардурӯғ, дуздӣ ва ҳатто куштор дохил мешаванд. Ин гуна одам ба *дом,* ё қапқон меафтад. Хоҳиш то андозае қавӣ мешавад, ки вай аллакай аз он халос шуда наметавонад. Эҳтимол вай ба худ ваъда медиҳад, ки чун миқдори муайяни пул ба даст орад, бозмеистад. Аммо вай бозистода наметавонад. Ҳангоме ки ин мақсад ба даст омад, вай чизи бештареро хоҳон мешавад. Ҷони вай ба доми хавотиршавӣ ва тарсҳое меафтад, ки ҳаваси пул онро бо худ меорад. Одамоне ки аниқ қарор додаанд сарватманд шаванд, *гирифтори бисёр ҳавасҳои беақлона мешаванд.* Онҳо мехоҳанд ҳатман аз ҳамсоягон пешдастӣ пайдо кунанд. Барои пайдо кардани мақоми иҷтимоии обрӯманд онҳо аксаран маҷбуранд баъзе арзишҳои ҳақиқатан муҳими зиндагиро қурбони майлу рағбат кунанд.

Илова бар ин онҳо *гирифтори ҳавасҳои зарарнок* мешаванд. Ҳирси сарват онҳоро

маҷбур мекунад, ки сиҳатии ҷисм ва ҷони худро ба хатар андозанд. Онҳо ба андозае бо чизи моддӣ машғуланд, ки *дар хонавайронӣ ва ҳалокат меғӯтанд*. Якзайл дар талоши зар буда, онҳо ҷонҳои намирандаи худро сарфи назар мекунанд. Барнс огоҳӣ медиҳад:

*Ҳама чиз нобуд шуд. Хушбахтӣ, обрӯ, некӯкориҳо ва ҷон то асос вайрон карда шудаанд. Хоҳиши ҳамаро фурӯбарандаи сарватманд шудан боиси силсилаи беақлиҳо мешавад, ки ҳама чизро ҳам дар ин зиндагӣ ҳа ҳам дар зиндагии оянда нобуд мекунанд. Оилаҳои зиёде аз сабаби ин вайрон шудаанд.*[22]

**6,10** *Решаи ҳамаи бадиҳо пулпарастист.* Агарчи на ҳамаи бадиҳои олам аз пулпарастӣ сарчашма мегирад, пулпарастӣ, бешубҳа, яке аз сарчашмаҳои асосии бисёр бадиҳост. Он, масалан, боиси ҳасад, ҷангу ҷидол, дуздӣ, бевиҷдонӣ, бадмастӣ, бетаҳаммулӣ, фаромӯш кардани Худо, худпарастӣ, харҷи беҳуда ва ғайра мешавад.

Ин ҷо сухан на оид ба худи пул, балки оид ба муҳаббат ба он аст. Бисёр воситаҳои ба хизмати Худованд сарф кардани пул ҳаст, ки боиси некӣ мешавад. Танҳо *пулпарастӣ* сабаби гуноҳ ва шармандагӣ мешавад.

Яке аз самарҳои пулпарастӣ дуршавӣ аз *имони* масеҳӣ мебошад. Одам дар талоши беақлонаи пул ҳаёти рӯҳонии худро то дараҷае беназорат мегузорад, ки пас аз чанде гуфтан душвор аст, ки оё вай умуман наҷот ёфта буд ё не.

Ин одамон на танҳо рағбатро ба арзишҳои рӯҳонӣ гум кардаанд, балки низ *худро гирифтори дардҳои зиёде кардаанд*. Дар бораи *дардҳое* фикр кунед, ки аз майли сарватғундорӣ сар мезананд! Фоҷиаи ҳаёте ки беҳуда гузаштааст. Андӯҳ оид ба фарзандоне ки ба ҷаҳон рафтаанд. Дард аз дидани сарватҳое ки дар пеши назар кам мешаванд. Тарси бо дастони холӣ ва ё наҷотнаёфта ба назди Худо ҳозир шудан.

Усқуф Ҷ. Ч. Райл натиҷагирӣ мекунад:

*Аз ҳама он чи дорем, пул қаноатмандии камтареро ба мо меорад. Он, албатта, бори баъзе ташвишҳоро аз сари мо соқит мекунад, аммо миқдори ташвишҳои бештаре ки он бар гардани мо бор мекунад, аз ҳаҷми ташвишҳои бартарафшуда зиёдтар аст. Худи дарёфт намудани он саъю кӯшиши зиёдеро талаб мекунад, кӯшиши нигоҳ доштани он ташвишу изтиробҳоро. Сарфи пул боиси озмоишҳои зиёде мегардад. Истифодаи нодурусти он боиси ҳисси айбдорӣ мегардад. Аз даст додани он – андӯҳи бузург. Масъалаи чӣ тавр истифода бурдани он моро ба кӯчаи сарбаста меорад. Сабаби аз се ду ҳиссаи ҳамаи муноқишаҳо, ҷанҷолҳо ва мурофиаҳо дар маҳкамаҳо худи ҳамон аст – пул!*[23]

Шахси сарватмандтарини ҷаҳон соҳиби чоҳҳои нафт, заводҳои коркарди нафт, танкерҳо (киштиҳои нафткашон) ва нефтепроводҳо буд; ҳамчунин ба вай меҳмонхонаҳо, ширкати суғуртавӣ ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ тааллуқ доштанд. Мулки худро, ки 300 гектар масоҳат дошт, вай бо посбонон, сагҳои бадхашм, панҷараи оҳанин, прожекторҳо, зангҳо ва сиренаҳо печонида гирифта буд. Вай на танҳо аз ҳавопаймоҳо, киштиҳо, девонаҳо, балки низ аз бемории вазнин, пирӣ, оҷизӣ ва марг метарсид. Вай танҳо ва туршрӯй буд ва иқрор шуд, ки хушбахтиро бо пул харидан имкон надорад.[24]

## VII. АМРҲОИ ХОТИМАВӢ БА ТИМОТИЮС (6,11-21)

**6,11** Павлус ба Тимотиюс чун ба *одами Худо* муроҷиат мекунад. Дар Аҳди Қадим одатан пайғамбаронро, шахсони рафторашон тақводоронаро бо ин унвон сарфароз мегардонданд. Ин метавонад ишорае ба он бошад, ки Тимотиюс бахшоиши пайғамбарӣ дошт. Ба *одами Худо* «марди гуноҳ», ки дар 2Тасолуникиён тасвир шудааст, муқобил гузошта мешавад. Марди гуноҳ худи таҷассуми гуноҳ хоҳад буд. Ҳама чиз дар вай одамонро ба фикри гуноҳ равона хоҳад кард. Тимотиюс бояд *одами Худо* бошад, одаме ки намудаш одамонро водор мекунад, то оид ба Худо фикр кунанд ва Ӯро ҷалол диҳанд.

Тимотиюс дар хидмати худ бояд аз ҳавобаландӣ (о. 4), фасод (о. 5), рӯҳи беқаноатӣ (о. 6-8), ҳавасҳои беақлона ва зарарнок (о. 9) ва пулпарастӣ (о. 10) канора ҷӯяд. Вай бояд дар худ хислати масеҳиёнаро парвариш диҳад – ягона чизеро, ки вай бо худ ба осмонҳо гирифта метавонад. Ин ҷо баъзе аз нишонаҳои ин гуна хислат номбар шудаанд: *адолат, диндорӣ, имон, муҳаббат, сабр ва фурӯтанӣ.*

*Росткорӣ* оид ба муносибати одилона ва боинсофонаи мо ба одамони дигар мегӯяд.

*Худотарсӣ* – шабоҳати мо ба Худост. *Имон* метавонад маънои вафодорӣ ва ҳам эътимоднокиро дошта бошад. *Муҳаббат* оид ба ҳиссиёти дилбастагии мо ҳам ба Худо ва ҳам ба одамон мегӯяд. *Сабрро* ҳамчун истодагарӣ ё пуртоқатӣ дар озмоишҳо тафсир намудан мумкин аст, дар ҳоле ки *нармдилӣ* – хайрхоҳӣ ва ҳалимии феъл аст.

**6,12** Тимотиюс на танҳо бояд канораҷӯӣ кунад ва пайравӣ намояд, балки *талош* низ *намояд. Талош намудан* ҳарбу зарб намудан нест, балки, аниқтараш, мусобиқа кардан аст. Ин калима на аз луғатномаи муҳорибаҳо, балки аз мусобиқаҳои варзишӣ гирифта шудааст. *Дар роҳи неки имон талош намудан,* ки ин ҷо гуфта шудааст, *имони* масеҳӣ ва мусобиқаи давидани вобаста ба он аст. Тимотиюс дар ин мусобиқа бояд хуб давад. Вай бояд *ҳаёти абадиро ба даст оварад.* Ин маънои онро надорад, ки вай бояд барои наҷот ёфтан ҷидду ҷаҳд намояд. Вай аллакай онро дорад. Аммо акнун рӯз ба рӯз бояд дар амалҳои вай ҳаёти абадӣ, ки аллакай онро дорад, зоҳир шавад.

Ба ин *ҳаёти абадӣ* Тимотиюс дар лаҳзаи бозгашт кардан *даъват гардида* буд. Вай ҳамчунин *дар пеши шоҳидони бисёр эътирофи нек кардааст.* Ин ҷо, эҳтимол, таъмид гирифтани вай дар назар дошта шудааст, агарчи он метавонад тамоми шаҳодати минбаъдаи Тимотиюсро оид ба Исои Масеҳ дар бар гирад.

**6,13** Акнун расул ба Тимотиюс амри ботантанае медиҳад ва инро дар ҳузури ду нафар Шоҳидони бузургтарин мекунад. Амр, пеш аз ҳама, *ба ҳузури Худое* дода шудааст, *ки ҳамаро ҷон мебахшад.* Эҳтимол, ҳангоме ки Павлус ва Тимотиюс мактуб менавишт, дарк менамуд, ки вай метавонад ягон вақт барои шаҳодат оид ба Худованд Исо кушта шавад. Дар ин ҳол ҷанговари ҷавон бояд донад, ки маҳз Худо ба ҳама чиз ҳаёт медиҳад. Ҳатто агар одамон Тимотиюсро кушта тавонанд ҳам, имони вай ба Онест, ки мурдагонро зинда мекунад.

Сониян, амр ба ҳузури Исои Масеҳ дода шудааст. Ӯ намунаи бузурги эътирофи нек аст. Дар пеши Понтиюс Пилотус Ӯ эътирофи нек кардааст. Агарчи ин ба ҳамаи суханон ва амалҳои Наҷотдиҳанда дар назди прокуратори румӣ дахл дошта метавонад, ин ҷо, аз афташ, ба таври махсус чунин суханони Исо дар назар дошта шудаанд: «Ман барои он зода шудаам ва барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам; ва ҳар кӣ аз ростист, овози Маро мешунавад» (Юҳ. 18, 37). Ин эътирофи бебокона чун намуна пеши назари Тимотиюс гузошта шуд, то ки вай дар шаҳодат оид ба ростӣ ба он пайравӣ намояд.

**6,14** Павлус ба Тимотиюс амр мекунад, ки *фармударо риоя намояд.* Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки ин ба фармудаи ба таври нек талош намудан, ки пештар зикр шуда буд, дахл дорад. Дигарон тахмин мекунанд, ки ҳамаи он чи Павлус дар ин мактуб ба Тимотиюс амр мекунад, дар назар дошта шудааст. Баъзеҳо бар онанд, ки фармуда – Хушхабар, ё ваҳйи Худост, чунон ки дар Каломи Худо дода шудааст. Мо чунин ақида дорем, ки ин супориши нигоҳ доштани ҳақиқати имони масеҳист.

Суханони *«бенуқсон ва беайб»* на ба ҳукм, балки ба худи Тимотиюс дахл дорад. Шаҳодати Тимотиюс, ки *ҳукмро риоя* менамояд, бояд *беайб* ва аз ҳама гуна танқид болотар бошад.

Ахди Нав доимо ба масеҳиён оид ба *зоҳир шудани Худованди мо Исои Масеҳ* ёдрас мекунад. Дар ин ҷаҳон ба Масеҳ вафодор будан дар назди Курсии Доварии Масеҳ мукофотонида мешавад. Ҳангоме ки Худованд Исо ба замин барои барпо намудани Подшоҳии Худ бозмегардад, ин мукофотҳо ба ҳама намоён хоҳанд буд. Ҳамон вақт натиҷаҳои вафодорӣ ё бевафоӣ аён мешаванд.

**6,15** Дар байни илоҳиётшиносон ҳамфикрӣ нест, ки дар ин оят ва дар оятҳои минбаъда дар бораи кӣ сухан меравад: оид ба Худо Падар ё оид ба Худованд Исои Масеҳ. Таассуроте ҳосил мешавад, ки дар ояти 15, ки дар алоҳидагӣ гирифта шудааст, оид ба Худованд Исо гуфта мешавад, чунки маҳз Ӯ дар Ваҳй 17,14 *Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон* номида шудааст. Аз тарафи дигар, ояти 16 возеҳан ба Худо Падар дахл дорад.

Дар ҳама сурат, маънои ояти 15, аниқтараш, чунин аст: ҳангоме ки Худованд Исо барои дар ин замин подшоҳӣ кардан бозмегардад, одамон дарк мекунанд, ки *Фармонгузори муборак ва ягона* кист. Зуҳури Ӯ нишон хоҳад дод, ки Подшоҳи ҳақиқӣ кист. Дар ин рӯзҳое ки Павлус ин мактубро ба Тимотиюс менавишт, ва то замони мо Худованд Исо радшуда буд ва ҳаст. Аммо рӯзе фаро мерасад, ки *Подшоҳи* ҳамаи ҳукмронон ва *Худованди* ҳамаи фармондиҳандагон будани Ӯ равшан нишон дода мешавад.

*Муборак* (баракатнок) на танҳо сазовори ҳама гуна таҳсин, балки Онест, ки дар Худ пуррагии баракатро дорад.

**6,16** Ҳангоми зоҳир шудани Худованд Исо одамон дарк мекунанд, ки танҳо *Худо намиранда* аст. Ин маънои онро дорад, ки танҳо Ӯ аз боиси табиати Худ дорои ин хусусият аст. Намирандагии фариштагон ба онҳо ато шуда буд, ва ҳангоми растохез масеҳиён баданҳои намиранда хоҳанд гирифт (1Қур. 15,53.54), намирандагии Худо бошад дар Худи Ӯст.

Сипас оид ба Худо гуфта мешавад, ки Ӯ *дар нури дастнорас сокин аст.* Ин ҷо ҷалоли чашмбари дурахшоне ки тахти Худоро фаро гирифтааст, дар назар дошта шудааст. Одам дар ҳолати табиии худ аз ин дурахш ба буғ табдил меёфт. Танҳо онҳое ки дар Дӯстдошта қабул карда шудаанд ва дар Масеҳ комиланд, ба Худо наздик шуда, ҳалок нашуда метавонанд.

Худоро дар моҳияти Ӯ *ҳеҷ кас надидааст ва дида наметавонад.* Дар Аҳди Қадим одамон зоҳиршавии Худоро дида буданд. Дар Аҳди Нав Худо Худро дар Шахси Писари дӯстдоштаи Худ, Худованд Исои Масеҳ зоҳир намуд.

Бо вуҷуди ин барои чашмони одӣ Худо диданашаванда аст.

*Иззат ва қудрат то абад* маҳз ба Ӯ тааллуқ дорад. Павлус бо ин ситоиш амри худро ба Тимотиюс анҷом медиҳад.

**6,17** Пеш аз ин Павлус муфассал оид ба онҳое сухан меронд, ки сарватманд шудан мехоҳанд. Ин ҷо вай ба онҳое муроҷиат мекунад, ки аллакай *сарватдор* ҳастанд. Тимотиюс бояд ба онҳо *фармояд, ки ҳавобаландӣ накунанд.* Ин барои ҳамаи сарватмандон васвасаи калонест. Онҳо майл ба он доранд, ки ба ҳамаи камбағалон чун ба мавҷудоти бефарҳанг, бетарбия ва на он қадар боақл аз боло ба поён нигаранд. Ин, бешубҳа, на ҳамеша ба ҳақиқат мувофиқат мекунад. Дар Аҳди Нав, бар хилофи Аҳди Қадим, сарвати зиёд шаҳодати баракати Худо нест. Дар зери шариат сарват нишонаи ҳусни таваҷҷуҳи Худо буд, дар давраи нав бошад баракати бузургтарин – азобҳо мебошанд.

Сарватмандон бояд *ба сарвати бебақо* (аниқтараш «бебақоии сарват») *умед набанданд.* Пулро дар даст нигоҳ доштан ба монанди дар даст нигоҳ доштани рег душвор аст. Агарчи ба мо чунин метобад, ки моликияти бузург мояи бехатарист, аммо ягона чизи ҳақиқатан боварибахш дар ин ҷаҳон танҳо Каломи Худост.

Барои ҳамин ҳам сарватмандонро даъват мекунанд, ки *ба Худои зинда умед бандад, ки ҳама чизро барои лаззати мо ба фаровонӣ ато мекунад.* Маккории сарват дар он аст, ки ба он умед набаста нигоҳ доштани он ниҳоят душвор аст. Аммо ин яке аз шаклҳои парастиши бутҳост: охир, дар ин ҳол мо ҳақиқатеро рад мекунем, ки маҳз *Худо ҳама чизро барои лаззати мо ба фаровонӣ ато мекунад.* Ин ҳақиқат ҳаёти боҳашаматро сафед намекунад, он танҳо изҳор менамояд, ки Худо манбаи ҳама гуна лаззатҳост, ки ҳеҷ хел хазинаҳо онҳоро дода наметавонанд.

**6,18** Ба масеҳӣ хотиррасон мекунанд, ки пуле ки вай дорад, аз они вай нест. Он танҳо ба ихтиёри вай супорида шудааст. Вай масъулият дорад, ки онро барои ҷалоли Худо ва нафъи одамон истифода барад. Вай бояд онро ба *корҳои нек* сарф намояд ва бо майли тамом ба мухтоҷон диҳад.

Шиори ҳаёти Ҷон Уэслӣ чунин аст: «Бо тамоми роҳҳо ва воситаҳои метавонистаат, дар ҳама ҷои метавонистаат, дар ҳар вақти метавонистаат, ба ҳамаи одамони метавонистаат, ба ҳар муддати метавонистаат ҳама гуна некии метавонистаатро бикун».

Суханони *«саховатманд ва дасткушод»* ишора мекунанд, ки масеҳӣ бояд омода бошад, ки ба ҳар он чи Худованд ишора мекунад, пулҳояшро истифода барад.

**6,19** Ин оят он ҳақиқатеро таъкид мекунад, ки мо имконият дорем воситаҳои молиявии худро чунон кор фармоем, ки онҳо ба мо дар ҷовидонӣ фоида оранд. Имрӯз пули худро барои кори Худо истифода бурда, мо *барои оянда ганҷе ғун* мекунем. Ҳамин тариқ, мо *ҳаёти абадиро ба даст меоварем,* ки ҳаёти ҳақиқист.

**6,20** Инак мо ба огоҳии хотимавии Павлус расидем. Вай ба Тимотиюс амр мефармояд, то *он чиро, ки ба* вай *амонат гузошта шудааст, муҳофизат намояд.* Вай бо ин, аниқтараш, таълимоти ҳақиқии имони масеҳиро дар назар дорад. Ин ҷо сухан на дар бораи ҷони Тимотиюс ё наҷоти ӯ, балки дар бораи ҳақиқати Хушхабари файзи Худо меравад. Ҳақиқате ки ба Тимотиюс супорида шудааст, бояд чун пули ба бонк гузошташуда бе осеб ва дар амният нигоҳ дошта шавад.

Вай бояд *аз беҳудагӯии худобехабарона ва ақидаҳои мухолиф, ки бардурӯғ дониш номида мешаванд*, канора ҷӯяд. Беҳудагӯӣ гуфтори беҳуда дар мавзуъҳоест, ки барои насиҳат хизмат намекунанд.

Павлус дарк мекард, ки Тимотиюс бо миқдори зиёди таълимотҳо рӯ ба рӯ мешавад, ки худро дониши ҳақиқӣ вонамуд карда, дар асл ба ваҳйи масеҳӣ мухолифат хоҳанд кард.

Усқуф Моул менависад:

*Гностикҳои замони Павлус изҳор мекарданд, ки шогирдони худро «аз назди тӯдаи масеҳиёни одӣ ба доираҳои баланди одамони лаёқатманд мебаранд, ки бояд асрори ҳастиро донанд ва ба шарофати ин дониш бояд аз шиканҷаи материя озод шуда, озодона дар олами рӯҳ сайр намуда, зиндагӣ кунанд».*[25]

Тимотиюс бояд аз ҳамаи ин *рӯй гардонад*.

Дар рӯзҳои мо ин ба чунин фирқаҳои бидъаткор, ба монанди «Илми Масеҳӣ» дахл дорад. Ин система изҳор мекунад, ки моҳияти масеҳӣ ва *дониши* ҳақиқӣ дорад, аммо дар асл дониши он *бардурӯғ* аст. Он ба масеҳият ва ба илм робитае надорад.

Ояти 20-ро ҳамчунин ба бисёр шаклҳои табиатшиносӣ, ки имрӯзҳо дар мактабҳои мо таълим дода мешаванд, истифода бурдан мумкин аст. Кашфиётҳои ҳақиқии илмӣ ҳеҷ гоҳ ба Навиштаи Муқаддас мухолифат нахоҳанд кард, чунки асрори илмиро Ҳамоне таъсис додааст, ки Навиштаи Муқаддасро навиштааст – Худи Худо. Аммо бисёр кашфиётҳои ба ном илмӣ дар асл фаразияҳои исботнашуда мебошанд. Ҳар як чунин фаразияе ки ба Навиштаи Муқаддас мухолифат мекунад, бояд рад карда шавад.

**6,21** Павлус дарк мекард, ки баъзе касони худро масеҳӣ меномида ба доми ин таълимотҳои бардурӯғ афтода, *аз имон гаштаанд*. Аз ин суханон ба мо равшан аён аст, ки интеллектуализм, ратсионализм, модернизм, либерализм ва ҳамаи «изм»-ҳои дигар, ки Масеҳро нодида мегиранд ё ба таълимоти Ӯ чизҳое илова мекунанд, то чӣ андоза хатарноканд.

*Файз бо ту бод*. Ин баракатдиҳӣ доимо дар ҳамаи мактубҳои Павлус ҳузур дорад, чунки танҳо *файзи* Худо халқи Ӯро дар роҳи рост ва танг нигоҳ дошта метавонад. *Омин*.

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) Иқтибос мешавад аз George Salmon, дар: *A Historical Introduction to the Study of the Books of the New Testament,* саҳ. 413.
2. (1,8) Guy King, *A Leader Led,* саҳ. 25.
3. (1,16) William Kelly, *An Exposition of the Two Epistles to Timothy,* саҳ. 22.
4. (1,19) Hamilton Smith, маълумоти бештаре нест.
5. (1,20) Калимаи юнонии «бласфемео» (ҳақорат додан, куфр гуфтан) ҳам нисбати Худо ва ҳам одам истифода мешавад.
6. (2,9) John Chrysostom, ки Alfred Plummer дар *The Pastoral Epistles,* саҳ. 101 иқтибос мекунад.
7. (2,15) J. P. Lilley, *The Pastoral Epistles,* саҳ. 94.
8. (3,2) Масеҳиёне ки ин ақидаро пайравӣ мекунанд, вафодории усқуфро ба як зан, ки дар ибораи юнонии «марди дорои як зан» дар назар дошта шудааст, таъкид мекунанд.
9. (3,3) Азбаски диаконҳо набояд тамаъкор бошанд (3,8), аз эҳтимол дур аст, ки Павлус оид ба уҳдадории боз ҳам масъулиятноки усқуф сухан ронда, ин сифатро партофта бошад.
10. (3,11) Эҳтимол, дар ибтидои мавҷудияти ҷамоат ин ҳанӯз *мансаби* ҷамоатӣ барои зан нашуда буд.
11. (3,16) J. N. Darby, *Notes of a Lecture on Titus 2,11-14, The Collected Writings of J. N. Darby,* ч. 7, саҳ. 333.
12. (3,16) Номҳои муқаддас «Худо», «Масеҳ», «Рӯҳ» ва дигарон дар дастнависҳои қадимӣ мухтасар навишта мешуданд. Ихтисори юнонии калимаи «Худо» ба калимаи «кӣ» бо иловаи хати кӯтоҳи уфуқӣ,

ки ҳарфҳои «тета» ва «омикрон»-ро фарқ мекунонад ва боз як хатчаи болои калима, ки ба мухтасар навишта шудани ин калима ишора мекунад, монанд аст. Дар баъзе дастнависҳо «Худо» (дастнависҳои анъанавӣ ва аксари дастнависҳо), дар баъзеи дигар «касе ки» (НА) ва «ки» ҳаст. Мо пайрави навишти анъанавӣ мебошем, ки дар аксари дастнависҳо ҳаст.

13. (4,3) Mary Baker Eddy, *Science and Health with Key to the Scriptures,* саҳ. 64-65.
14. (4,10) Дар даъзе дастнависҳо: «барои ҳамин ҳам мо меҳнат мекунем ва мубориза мебарем».
15. (4,12) King, *Leader,* саҳ. 79.
16. (5,4.5) Дар дастнависҳои қадимтарин ва дар аксари дастнависҳо калимаҳои «хуб аст ва» пеш аз «писандидаи» нестанд. Бешубҳа, варианти кӯтоҳтар дуруст аст.
17. (5,16) Набудани зикри *марди* имоноварда дар баъзе дастнависҳо, аз афташ, тасодуфӣ аст. Аз эҳтимол дур аст, ки Павлус фақат оид ба он бевазаноне навишта бошад, ки барояшон занони имоноварда ғамхорӣ мекарданд.
18. (6,4) P. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Paul's Epistles to the Thessalonians, to Timothy, to Titus and to Philemon,* саҳ. 700.
19. (6,5) Дар ҳамон ҷо, саҳ. 701-702.
20. (6,5) Дар баъзе дастнависҳо ин ҷумла партофта шудааст.
21. (6,7) Edward Herbert Bates, *Spiritual Thoughts from the Scriptures of Truth,* саҳ. 160.
22. (6,9) Albert Barnes, *Notes on the New Testament: Thessalonians, Timothy, Titus, Philemon,* саҳ. 199.
23. (6,10) J. C. Ryle, *Practical Religion,* саҳ. 215.
24. (6,10) Аз мақолаҳои рӯзномавӣ оид ба Ҳовард Ҳюгси солхӯрда.
25. (6,20) H. C. G. Moule, *Studies in II Timothy,* саҳ. 91.

# Рӯйхати адабиёт

**(Номаҳои шубонӣ)**


Bates, Edward Herbert.
*Spiritual Thoughts from the Scriptures of Truth.*
London: Pickering and Inglis, с. номаълум.

Bernard, J. H.
*The Pastoral Epistles.*
Cambridge: University Press, 1899.

Erdman, Charles R.
*The Pastoral Epistles of Paul.*
Philadelphia: Westminster Press, 1923.

Fairbairn, Patrick.
*Commentary on the Pastoral Epistles.*
Edinburgh: T & T. Clark, 1874.

Guthrie, Donald.
*The Pastoral Epistles, (TBC).*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1957.

Hiebert, D. Edmond.
*First Timothy.*
Chicago: Moody Press, 1957.

Hiebert, D. Edmond.
*Second Timothy.*
Chicago: Moody Press, 1958.

Hiebert, D. Edmond.
*Titus and Philemon.*
Chicago: Moody Press, 1957.

Ironside, H. A.
*Addresses, Lectures, Expositions on Timothy, Titus and Philemon.*
New York: Loizeaux Bros., 1947.

Kelly, William.
*An Exposition of the Epistle of Paul to Titus.*
London: Weston, 1901.

Kelly, William.
*An Exposition of the Two Epistles to Timothy.*
Oak Park, IL: Bible Truth Publishers,
с. номаълум.

Kent, Homer A.
*The Pastoral Epistles.*
Chicago: Moody Press, 1958.

King, Guy H.
*A Leader Led: A Devotional Study of I Tim.*
Fort Washington, Pa.: Christian Literature
Crusade, 1944.

King, Guy H.
*To My Son: A Expositional Study of II Tim.*
Fort Washington, Pa.: Christian Literature
Crusade, 1944.

Lilley, J. P.
*The Pastoral Epistles, Handbooks for Bible Classes.*
Edinburgh: T & T. Clark, 1901.

Lock, Walter.
*A Critical and Exegetical Commentary on the The Pastoral Epistles (ICC).*
Edinburgh: T & T. Clark, 1924.

Moule, H. C. G.
*Studies in II Timothy.*
Grand Rapids: Kregel Publications, 1977.

Plummer, Alfred.
*The Pastoral Epistles.*
New York: George H. Doran Company,
с. номаълум.

Smith, Hamilton.
*The Second Epistle to Timothy.*
Wooler, Northumberland, England: Central
Bible Hammond Thuth Ltd., с. номаълум.

Stock, Eugene.
*Plain Talks on the Pastoral Epistles.*
London: R. Scott, 1914.

Van Oosterzee, J. J.
*The Pastoral Letters. Lange’s Commentary on the Holy Scriptures,* ч. 23.
Grand Rapids: Zondervan Publishing House,
с. номаълум.

Vine, W. E.
*Exposition of the Epistles to Timothy.*
London: Pickering & Inglis, 1925.

Wuest, Kenneth S.
*The Pastoral Epistles in the Greek New Testament.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing
Co., 1953.

# НОМАИ ДУЮМ БА ТИМОТИЮС

*Дар номаи дуюм ба Тимотиюс ... вай (Павлус), шахсе ки таҳти роҳнамоии Худо берун аз ҳудуди Фаластин ҷамоати Худоро дар замин таъсис додааст, тамоми рози дили худро изҳор мекунад; ва ӯ онро аз он сабаб навишт, ки ин ҷамоат пайиҳам ба нокомиҳо дучор шуда, аз принсипҳое ки дар асоси он бино шуда буд, дур мешуд.*

Н. Дарбӣ

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Суханони охирини шахсони машҳур одатан дар хотири шахсоне ки дӯсташон медоштанд, бо эҳтиёт нигоҳ дошта мешаванд. Агарчи Номаи дуюм ба Тимотиюс ба маънои аслӣ суханони охирини Павлус нест, ин охирин аз номаҳои ба мо маълуми расул ба масеҳиён аст, ки дар ибтидо ба ҳамкори дӯстдоштаи ҷавонаш Тимотиюс навишта шуда буд.

Дар зиндони торики румӣ, ки равшанӣ ба он танҳо аз сӯрохии сақф медаромад, нишаста, дар интизории қатл, расули маънавиёташ баланд, хирадманд ва боилтифот, ки акнун аллакай пир шудааст ва аз хизмати дурударози ғайратмандона ба Худо ҳаста шудааст, даъвати охиринро менависад – Тимотиюс бояд он ҳақиқат ва ҳаётеро, ки омӯхта буд, устуворона пайравӣ намояд.

Монанди дигар номаҳои «дуюм», 2Тимотиюс ба мавзуи муаллимони дурӯғин ва аз имон гаштагони замони охир бахшида шудааст. Беихтиёр фикре сар мезанад, ки ҳуҷумҳои рӯйрост ба аслӣ будани 2Тимотиюс (ва бештар аз он 2Петрус) асосан аз он сабаб мебошанд, ки роҳбарони динии шаккок, ки ин гуна фаразияҳои «радкунанда»-ро эҷод мекунанд, динро ҳамчун ниқоб истифода мебаранд, ва дар ҳамон ҷинояте ки Павлус моро меогоҳонад, айбдоранд (3,1-9).

Бар хилофи гуфтаҳои баъзеҳо, Номаи дуюм ба Тимотиюс хеле зарурӣ ва ҳақиқатан аслӣ мебошад!

### II. МУАЛЛИФӢ

Оиди муаллифии 2Тимотиюс ба «Муқаддима»-и Номаҳои Шубонӣ нигаред.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Номаи дуюм ба Тимотиюс аз зиндон навишта шуда буд (мувофиқи ривоят зиндони Мамертин дар Рум, ки онро имрӯзҳо низ дидан мумкин аст). Азбаски Павлус шаҳрванди румӣ буд, вайро ба назди шерон партофтан ё ба салиб кашидан наметавонистанд; вай «сазовори шарафе» гардид, ки бо шамшер сарашро аз тан ҷудо кунанд. Азбаски вай дар давраи ҳукмронии Нерон (8-уми июни соли 68 мурдааст) кушта шуда буд, санаи навишта шудани 2Тимотиюс байни тирамоҳи соли 67 ва баҳори соли 68 муайян карда шудааст.

### III. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Мавзуи 2Тимотиюс дар 2,15 равшан баён карда шудааст: «Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад ва сухани ростиро дуруст мавъиза мекунад». Бар хилофи 1 Тимотиюс, ки диққати асосӣ ба рафтори коллективии ҷамоат дода мешавад, ин ҷо пеш аз ҳама ба масъулият ва рафтори шахсияти алоҳида диққат дода мешавад. Ин мавзуъро чунин тасвия кардан мумкин аст: «Масъулияти шахсӣ дар замони гумроҳии умумӣ».

Мувофиқи ин нома, дар ҷамоате ки худро масеҳӣ меномад, ин гумроҳии умумӣ хеле

калон шудааст. Он аз имон ва аз ҳақиқат ниҳоят дур шудааст. Ин гуна ақибнишинӣ ба масеҳии алоҳида чӣ гуна таъсир мерасонад? Агар вай ба ҳақиқат пайравӣ кардан ва тақводорона зистанро бас кунад, оё бароящ узре хоҳад буд? Нома ҷавоби аниқ медиҳад: «Не!» Ту «саъю кӯшиш намо, ки худро муносиб нишон диҳӣ ...»

Ҳаёти Дониёл дар дарбори подшоҳи Бобил (Дон. 1) чунин вазъиятро нишон медиҳад. Аз боиси бадахлоқие ки муддати зиёд дар Исроил ҳукмфармо буд, подшоҳ Набукаднесар вайро ҳамроҳи ҷавонони дигар ба асорати Бобил бурд. Онҳо аз шаклҳои зоҳирии дини яҳудӣ маҳрум буданд – қурбонӣ овардан, хизмати коҳинон, парастиш дар парастишгоҳ ва ғайра. Ҳангоме ки баъди якчанд сол Уршалим вайрон карда шуда, тамоми халқ ба асорат бурда шуд, хизматгузорӣ дар парастишгоҳ муваққатан пурра қатъ шуд. Ҳамаи инро дида, оё Дониёл гуфтааст: «Беҳтар мешавад, ки ман шариат ва пайғамбаронро фаромӯш карда, кӯшиш кунам, то ба анъана ва одатҳои Бобил мутобиқ шавам?» Тамоми ҳаёти таъсирбахши пуримони ӯ дар вазъияти тамоман тоқатфарсо ҷавоби ҳайратоварест, ки ба сафҳаҳои таърих дохил гардидааст.

Ҳамин тариқ, 2Тимотиюс ба масеҳие мурочиат мекунад, ки бо содагӣ ва муқаддасии ибтидоии инҷилӣ ҳеҷ умумияте надоштани шаҳодати умумии ҷамоати замони моро мебинад. Дар ҳар ҳолат вай вазифадор аст, ки «парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунад» (2Тим. 3,12).

## Нақша

I. ДУРУДҲОИ МУҚАДДИМАВӢ БА ТИМОТИЮС (1,1-5)
II. НАСИҲАТҲО БА ТИМОТИЮС (1,6–2,13)
  А. Оид ба содиқ будан (1,6-18)
  Б. Оид ба устувор будан (2,1-13)
III. САДОҚАТЕ КИ БА МУРТАДӢ МУҚОБИЛ МЕИСТАД (2,14–4,8)
  А. Садоқат ба масеҳияти ҳақиқӣ (2,14-26)
  Б. Муртадии оянда (3,1-13)
  В. Одами Худо дар рӯ ба рӯи муртадӣ аз хазинаи Худо баҳра мебарад (3,14–4,8)
IV. ХОҲИШҲОИ ШАХСӢ ВА МУЛОҲИЗАҲО (4,9-22)

# Тафсир

### I. ДУРУДҲОИ МУҚАДДИМАВӢ БА ТИМОТИЮС (1,1-5)

**1,1** Дар аввалин сатрҳои мактуб Павлус худро ҳамчун *расули Исои Масеҳ* муаррифӣ мекунад. Худованди ҷалолёфта ба вай хизмати махсусеро вогузор намудааст. Павлус вазифаи худро на аз одамон ва на ба воситаи одамон, балки бевосита ба василаи *иродаи Худо* гирифтааст. Сипас Павлус мегӯяд, ки расулии вай *аз рӯи ваъдаи ҳаёт* мебошад, *ки дар Исои Масеҳ аст.* Худо *ваъда* дод, ки ҳар кӣ ба Масеҳ Исо бовар кунад, ҳаёти ҷовидонӣ ба даст меорад. Ба хизмати *расулӣ* даъват шудани Павлус ба ин *ваъда* ҳамроҳ шуд. Агар ин ваъда намебуд, ба расуле чун Павлус эҳтиёҷе намебуд.

Мувофиқи суханони Вайн, «Худо мақсад дошт, то ҳаёте ки дар Исои Масеҳ дар абадияти гузашта сокин буд, ба мо дода шавад. Натиҷаи мантиқии ин мақсад он буд, ки Павлус мебоист расул мешуд».[1]

Панҷ бор зикр шудани мафҳуми «ҳаёт»-ро дар ин Нома В. Паул Флинт чунин маънидод мекунад: 1,1 ваъдаи ҳаёт; 1,10 зуҳуроти ҳаёт; 2,11 иштирок дар ҳаёт; 3,12 намунаи ҳаёт; 4,1 мақсади ҳаёт.

**1,2** Павлус ба Тимотиюс ҳамчун ба *фарзанди азиз* муроҷиат мекунад. Ҳеҷ далеле нест, ки Тимотиюс бевосита ба василаи хизмати Павлус имон оварда бошад. Аввалин вохӯрии

навишташудаи онҳо дар Лустра баргузор гардида буд (Аъм. 16,1), ва ҳангоми омадани Павлус Тимотиюс аллакай шогирд буд. Дар ҳар ҳолат, барои расул вай *фарзанди азиз* дар имони масеҳӣ буд.

Чун дар 1Тимотиюс, дуруди Павлус таманнои *файз, марҳамат ва осоиширо* дар бар мегирад. Дар тафсир ба 1Тимотиюс аллакай зикр шуда буд, ки таманнои файз ва осоиш хусусияти хоси мактубҳои Павлус ба ҷамоатҳо буд. Дар мактуб ба Тимотиюс вай калимаи «марҳамат»-ро илова мекунад. Гай Кинг тахминеро баён намуд, ки файз барои ҳар гуна хизмат лозим аст, марҳамат барои ҳар гуна нобарорӣ, осоиш барои ҳамаи вазъиятҳои зиндагӣ. Касе гуфтааст: «Файз ба бефоидаҳо, марҳамат ба нотавонон, осоиш ба нооромон». Ҳиберт *марҳаматро* чун чизе маънидод мекунад, ки «аз майли ботинӣ бармеояд, худ ба худ рӯй медиҳад ва меҳрубонии навозишкоронаи Худост, ки Ӯро водор мекунад, то бо бадбахтон ва азияткашандагон бо мулоимат ва ҳамдардӣ муносибат намояд».[2]

Ин баракатҳо *аз ҷониби Худои Падар ва Худованди мо Исои Масеҳ* бармеоянд. Ин боз як мисоли он аст, ки Павлус *Писарро* баробар ба *Падар* медонад.

**1,3** Пас аз ин Павлус бо услуби барояш хос дар суруди шукргузорӣ арзи дил мекунад. Ин суханонро хонда, бояд дар хотир дошт, ки вай онҳоро дар зиндони румӣ навишта буд. Вайро ба он ҷо барои мавъизаи Хушхабар партофта буданд ва бо вай чун бо ҷинояткор муносибат мекарданд. Ҳукумати Рум имони масеҳиро аз ҳама ҷиҳат пахш мекард, ва аллакай бисёр масеҳиён ҳаёти худро аз даст дода буданд. Ба ин вазъияти номусоид нигоҳ накарда, Павлус мактубро ба Тимотиюс бо чунин суханон сар карда метавонист: *«Шукргузорӣ менамоям Худоро»*.

Расул ба Худо бо *виҷдони пок* хизмат мекард, чунон ки *аҷдодаш* яҳудиён низ мекарданд. Агарчи аҷдоди вай масеҳӣ набуданд, онҳо ба Худои зинда бовар доштанд. Онҳо Ӯро парастиш мекарданд ва кӯшиш мекарданд, ки ба вай хизмат кунанд. Онҳо интизори растохези мурдагон буданд, чунон ки Павлус дар Аъмол 23,6 ишора карда буд. Барои ҳамин ҳам дертар вай гуфта метавонист: «Ва ҳоло барои умед бастанам ба он ваъдае [растохез] ки Худо ба падарони мо додааст, ман муҳокима карда мешавам, дар сурате ки дувоздаҳ сибти мо шабу рӯз бо ҷидду ҷаҳд ибодат мекунанд ба умеди он ки иҷрои ҳамон ваъдаро бинанд» (Аъм. 26, 6.7).

Ҳамин тариқ, Павлус хизматгузорияш ба Худовандро ҳамчун пайравӣ ба намунаи аҷдод қаламдод карда метавонист. Калимае ки расул барои ифодаи *ибодат*[3] ба кор бурдааст, ба садоқат ва вафодорӣ ишорат мекунад. Вай ба Худои ҳақиқӣ эътиқод дошт.

Сипас Павлус оид ба он сухан меронад, ки *пайваста* Тимотиюсро *дар дуоҳояш шабу рӯз ба ёд* меоварад. Ҳар гоҳе ки расули бузург дар дуо ба Худованд муроҷиат кунад, вай ҳамеша ҳамкори ҷавони дӯстдоштаашро ба ёд меоварду ва номи вайро ба назди Тахти Файз меоварду. Павлус медонист, ки вақти хизмати вай ба анҷом наздик расидааст. Вай медонист, ки аз нуқтаи назари одамӣ Тимотиюсро лозим меояд дар танҳоӣ оид ба Масеҳ шаҳодат диҳад. Вай ҳамчунин оид ба он душвориҳое ки Тимотиюс рӯ ба рӯ мешавад, медонист, бинобар ин доимо оид ба ин сарбози ҷавони имон дуо мекард.

**1,4** Тимотиюс ин суханонро хонда, то чӣ андоза ба ҳаяҷон омада буд! Фириста Павлус, чунон ки Моул инро номидааст, «хоҳиши пурэҳтирос»-и дидори ӯро дорад. Ин, албатта, далели муҳаббати махсус ва ҳурмат аст ва оиди нексириштӣ, назокат ва фурӯтании Павлус равшан шаҳодат медиҳад.

Шояд, ҳангоми бори охирин аз ҳам ҷудо шуданашон Тимотиюс худдориро аз даст дод. Ашкҳои ҷавон ба ҳамсафи калонӣ таассуроти амиқ гузоштанд. Ҳиберт тахмин мекунад, ки ин ҳангоме рӯй дод, ки сарбозони румӣ Павлусро аз вай «барканданд».[4] Фириста инро фаромӯш карда наметавонист ва акнун хоҳиши боэҳтироси назди Тимотиюс буданро дошт, то аз шодӣ пур шавад. Вай Тимотиюсро барои ашкҳо маломат намекунад, чунон ки агар онҳо ба мард лоиқ набошанд ва ё дар масеҳият ба ҳиссиёт ҷой набошад. Ҷ. Ҳ. Ҷоветт бисёр такрор мекард: «Дилҳое ки ашкҳоро намедонанд, хабаррасони азобҳои Масеҳ буда наметавонанд. Ҳангоме ки дарди дилсӯзӣ тезии худро гум мекунад, мо аллакай хизматгорони Азобкашида буда наметавонем».

**1,5** Ҳар тавре ки бошад, имони бериёи Тимотиюс доим ба хотири Павлус меомад.

Имони вай самимӣ, ҳақиқӣ буд, на ин ки ниқоби риёкорона.[5]

Аммо дар оилаи худ Тимотиюс аввалин касе набуд, ки наҷот пайдо кардааст. Аз афташ, модаркалони вай, яҳудизан Лӯид, Хушхабари наҷотро пештар шунида буд ва ба Худованд Исо ҳамчун ба Масеҳ бовар карда буд. Духтараш Авнико, ки ҳамчунин яҳудӣ буд (Аъм. 16,1), низ масеҳӣ шуда буд. Ҳамин тариқ, Тимотиюс ҳақиқатҳои бузурги имони масеҳиро фаҳмид ва намояндаи насли сеюми оилае буд, ки ба Наҷоткор бовар кардааст. Дар Навиштаҳо ягон сухане оиди он нест, ки падари Тимотиюс имон овард ё не.

Агарчи наҷотро аз волидони имондор мерос гирифтан имкон надорад, шубҳае нест, ки дар Навиштаҳо принсипи «ӯ ва аҳли хонаводаи ӯ» дида мешавад. Таассуроте ҳосил мешавад, ки Худо наҷот додани оилаҳои томро дӯст медорад. У намехоҳад, ки дар онҳо ягон касе аз ҳисоб берун монад.

Аҳамият диҳед: гуфта шудааст, ки имон дар Лӯид ва Авнико сокин буд. Вай зиёраткунандаи дер-дер меомада набуд, балки доимо дар онҳо буд. Павлус яқин дошт, ки ҳолати рӯҳонии Тимотиюс низ айнан ҳамин тавр аст. Бо вуҷуди ҳамаи мусибатҳое ки барои имон насиби Тимотиюс шуда метавонистанд, вай имони самимии худро нигоҳ хоҳад дошт.

## II. НАСИҲАТҲО БА ТИМОТИЮС (1,6–2,13)

### A. Оид ба содиқ будан (1,6-18)

**1,6** Муҳити тақводорона дар оила, ва ҳамчунин имони худи Тимотиюс Павлусро водор намуд, то ӯро даъват намояд, ки *он атои Худоро, ки дар* уст, *барафрӯзад*. Ба мо гуфта нашудааст, ки ин чӣ гуна *атои Худо* буд. Баъзеҳо ақида доранд, ки сухан дар бораи Рӯҳулқудс меравад. Дигарон дар вай лаёқатҳои мушаххасеро мебинанд, ки Тимотиюс аз Худованд барои хизмати масеҳиёнаи муайян гирифтааст, масалан бахшоиши муждабар, шубон ё муаллим. Як чиз аён аст: Тимотиюс ба хизмати масеҳиёна даъват шуда, ба вай лаёқатҳои махсус дода шуда буд. Дар ин ҷо Павлус ӯро водор мекунад, ки ин *аторо* ба алангаи зинда табдил диҳад. Вай набояд аз муртадие ки дар атроф ҳукмфармост, рӯҳафтода шавад. Ҳамчунин вай набояд дар хизмати масеҳиёнаи худ ба мутахассиси хунсард табдил ёбад, ба карахтӣ майл кунад. Ба ҷои ин вай бояд баробари тиратар шудани рӯзгор атои худро бештар ба кор барад.

Ин ато дар Тимотиюс ба воситаи *гузоштани дастҳои* Павлус буд. Инро бо маросими дастгузорӣ барои рутбаи рӯҳонӣ, ки дар доираҳои рӯҳониёни касбӣ қабул аст, набояд омехта кард. Суханони расулро айнан фаҳмидан даркор аст: *ато* амалан дар ҳамон лаҳзае ки Павлус ба Тимотиюс даст гузошт, ба вай дода шуд. Расул ҳамон воситае гардид, ки бахшоиш ба воситаи он гирифта шуд.

Дарҳол саволе пайдо мешавад: «Оё ин имрӯзҳо ҳам воқеъ мешавад?» Ҷавоб – «не». Қудрати ба касе бо дастгузорӣ бахшоиш додан ба Павлус ҳамчун ба расули Масеҳ дода шуда буд. Азбаски ҳозир ба маънои онвақта расулон нестанд, қудрати ба амал овардани муъҷизаҳои расулӣ низ дар мо нест.

Ин оятро ҳамроҳи 1Тим 1,18 ва 4,14 аз назар гузарондан лозим аст. Онҳоро якҷоя карда, мо пайдарҳамии зерини воқеаҳоро мебинем, ки Вайн тасвия намудааст: Мувофиқи пешгӯии пайғамбар, Павлус ба сӯи Тимотиюс ҳамчун ба масеҳие ки ба хизмати махсус даъват шудааст, фиристода шуда буд. Худованд ба воситаи амали расмии расул ба Тимотиюс бахшоиш дод. Амали Худовандро ба воситаи дастгузорӣ усқуфон эътироф карданд. Ин амали дастгузорӣ барои рутбаи рӯҳонӣ, додани бахшоиш ва ё мартабаи коҳинӣ набуд.[6]

Ё, чунон ки Сток натиҷагирӣ кардааст, «бахшоиш *ба воситаи* дастони Павлус омад, аммо *бо* дастони усқуфон».

**1,7** Дар арафаи марги пуразоб Павлус вақт пайдо карда, ба Тимотиюс ёдрас мекунад, ки *Худо ба* онҳо *на рӯҳи тарсро,* ё буздилиро *додааст.* Ба беҷуръатӣ ва ба шармгинӣ вақт нест.

*Балки* Худо ба мо рӯҳи *қувватро* додааст. Дар ихтиёри мо тавоноии беҳудуде ҳаст. Ба шарофати қуввае ки Рӯҳулқудс ба вай додааст, имондор тавон дорад далерона хизмат кунад, ҳама чизро босаброна таҳаммул кунад, бо хурсандӣ азоб кашад, ва агар лозим ояд, бошарафона бимирад.

Худо ба мо ҳамчунин рӯҳи *муҳаббатро* додааст. Маҳз *муҳаббати* мо ба Худо тарсро

меронад ва дар мо омодагиеро бедор мекунад, то бо ҳар арзише ки бошад худро ба Масеҳ бахшем. Маҳз муҳаббат ба одамон омодагиеро дар мо бедор мекунад, ки ба ҳама зулму ситамҳо тоб оварда, дар ивазаш некӣ кунем.

Ниҳоят, Худо ба мо рӯҳи *парҳезгорӣ,* ё интизомнокиро додааст. Худо ба мо рӯҳи худназораткунӣ, худдориро додааст. Мо бояд оқилона рафтор намоем, аз амалҳои шитобкорона, беандеша ва ё аблаҳона канорачӯӣ кунем. Вазъиятамон ҳар қадар номусоид бошад ҳам, мо бояд ботамкиниро дар муҳокимаронӣ нигоҳ дорем ва ҳушёрона амал намоем.

**1,8** Павлус ба Тимотиюс мегӯяд, ки вай набояд *шарм кунад.* Дар ояти 12 расул оид ба худ мегӯяд, ки хиҷил намешавад. Ниҳоят, дар ояти 16 мехонем, ки Анисифурӯс *хиҷил* намешуд.

Ин вақте буд, ки мавъизаи Хушхабар ҷиноят ҳисобида мешуд. Онҳоеро, ки ошкоро оид ба Худованд ва Наҷоткори худ шаҳодат медоданд, таъқиб мекарданд. Ин набояд Тимотиюсро ба изтироб оварад. Вай набояд аз Хушхабар *шарм кунад*, ҳатто агар он боиси азобҳо шавад. Вай ҳамчунин набояд аз расул Павлус, ки ба зиндон партофта шудааст, *шарм кунад.* Баъзе масеҳиён аллакай аз вай рӯ гардонда буданд. Онҳо, албатта, метарсиданд, ки бо вай ҳамраъйӣ изҳор намуда, ба сари худ азобҳо ва, шояд, маргро меоранд.

Вай Тимотиюсро насиҳат мекард, ки ҳиссаи уқубатҳои худро, ки ҳамроҳи Хушхабар меояд, қабул кунад, ва *онро ба ҳасби қуввати Худо* барад. Вай набояд кӯшиш кунад, то аз «беобрӯӣ», ки бо Хушхабар алоқаманд буда метавонист, раҳо шавад, балки, чун Павлус, ин шармандагиро босаброна паси сар кунад.

**1,9** Расул Тимотиюсро ба ғайратмандӣ (о. 6.7) ва мардонагӣ (о. 8) рағбатнок мекард. Акнун Павлус мефаҳмонад, ки чаро маҳз чунин муносибат дуруст аст: он – қисми таркибии файзест, ки дар мо амал мекунад. Пеш аз ҳама, Ӯ *моро наҷот додааст.* Ин маънои онро дорад, ки Ӯ моро аз ҷазо барои гуноҳ халос кардааст. Ҳамчунин Ӯ доимо моро аз ҳокимияти гуноҳ халос мекунад, ва рӯзе фаро мерасад, ки Ӯ моро аз худи ҳузури гуноҳ озод мекунад. Ӯ ҳамчунин моро аз ҷаҳон ва аз иблис халос кардааст.

Баъд, Худо *моро ба даъвати муқаддас хондааст.* Ӯ на танҳо моро аз бадӣ халос кард, балки низ бо ҳамаи баракатҳои рӯҳонӣ дар осмон дар Исои Масеҳ мукофотонид. Даъвати (вазифаи) поки масеҳӣ дар Эфесусиён 1-3 ва хусусан дар боби 1 муфассал тасвир ёфтааст. Ин ҷо мо мефаҳмем, ки интихоб шудаем, пешакӣ муайян шудаем, писархонд шудаем, дар Дӯстдошта қабул шудаем, бо хуни Ӯ харида шудаем, бахшида шудаем, бо Рӯҳулқудс муҳр зада шудаем ва гарави мероси худро гирифтаем. Ба замми ин даъвати муқаддас мо мақсаде аз арши аъло (Фил. 3,14) ва даъвати осмонӣ (Ибр. 3,1) дорем.

Наҷот ва даъватшавӣ ба мо *на аз рӯи амалҳои мо* дода шудааст. Дигар хел карда гӯем, онҳо бо файзи Худо дода шудаанд. Ин чунин маъно дорад, ки мо на танҳо онҳоро бо амалҳо сазовор нашудаем, балки чизи тамоман баръаксро сазовор шудаем. Мо онҳоро бо меҳнат ба даст оварда наметавонистем; мо ҳатто дар ҷустуҷӯи онҳо набудем. Аммо Худо ҳеҷ гуна шарт нагузошта ва ҳеҷ муздеро наталабида, онҳоро ба мо, ки сазоворашон набудем, тӯҳфа кард.

Сипас ин фикр дар суханони *«аз рӯи нақшаи Худ ва файз»* фаҳмонида мешавад. Чаро Худо гуноҳкорони бадахлоқро чунон дӯст дошт, ки тайёр буд Писари Худро фиристад, то барои онҳо бимирад? Чаро Ӯ тайёр буд чунин нархро бипардозад, то ки онҳоро аз дӯзах наҷот диҳад ва ба осмон оварад, ки он ҷо онҳо метавонанд тамоми абадият бо Ӯ бошанд? Ягона ҷавоби имконпазир: *«аз рӯи нақшаи Худ ва файз»*. Сабаби амалҳои Ӯ на дар мо, балки дар дили дӯстдорандаи Худи Ӯст. Ӯ моро дӯст медорад, чунки моро дӯст медорад!

Ҳусни таваҷҷуҳи Ӯ *ба мо аз замонҳои азал дар Исои Масеҳ ато шудааст.* Ин маънои онро дорад, ки ҳанӯз аз азал Худо қарор дод, ки ин нақшаи муъҷизаосои наҷотро амалӣ гардонад. Ӯ қарор дод, ки гуноҳкорони айбдорро ба воситаи меҳнати ивазкунандаи Писари азизи Худ наҷот диҳад. Ӯ қарор дод, ки ҳаёти абадиро ба ҳамаи онҳое ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунанд, пешниҳод кунад. Тариқе ки ба василаи он мо наҷот ёфта метавонистем, на танҳо хеле пеш аз зода шудани мо, балки *аз замонҳои азал* ба нақша гирифта шуда буд.

**1,10** Худи ҳамон Хушхабаре ки аз азал пешакӣ муқаррар шуда буд, дар вақт *ошкор гардидааст.* Он *ба воситаи зоҳир шудани*

*Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ ошкор гардидааст.* Дар рӯи замин буда, Ӯ Хушхабари наҷотро ба ҳама шунавонида эълон мекард. Ӯ одамонро таълим медод, ки бояд бимирад, дафн карда шавад ва аз мурдагон бархезад, то ки Худои одил гуноҳкорони бехудоро наҷот дода тавонад.

У *маргро ҳеҷ кард*. Оё ин ҳамин тавр аст, дар ҳоле ки мо дар ҳар қадам бо марг рӯ ба рӯ мешавем? Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки Ӯ маргро бекор кард ва ё онро аз ҳамаи ваколатҳояш маҳрум кард. То растохези Масеҳ марг бар ҷаҳон чун ҳокими золим ҳукмфармоӣ мекард. Он душмане буд, ки ҳамаро ба даҳшат меовард. Тарси марг одамро дар ғуломӣ нигоҳ медошт. Аммо растохези Худованд Исо гарави он аст, ки ҳамаи онҳое ки ба Ӯ имон овардаанд, аз мурдагон бармехезанд, то дигар ҳеҷ гоҳ намиранд. Ӯ маргро ба ҳамин маъно бекор кард. Ӯ онро аз нешаш маҳрум кард. Акнун марг фиристодаи Худост, ки ҷони шахси мурдаро ба осмон меоварад. Он аллакай на соҳиби мо, балки хизматгори мост.

Худованд Исо на танҳо *маргро* бекор кард, балки Ӯ *ҳаёт ва бефаноиро ба воситаи Инҷил дурахшон намуд*. Дар замони Аҳди Қадим аксари одамон оид ба ҳаёт баъди марг тасаввуроти хеле ноаниқ ва хирае доштанд. Оид ба дӯстдоштагони даргузашта мегуфтанд, ки онҳо дар *шеол* ҳастанд, ва ҳолати рӯҳро дар назар доштанд, ки ҷисмро тарк кардааст. Агарчи ба онҳо умед ба осмонҳо дода шуда буд, онҳо аксаран онро на он қадар аниқ мефаҳмиданд.

Аз замони омадани Масеҳ ин масъала хеле равшантар шуд. Масалан, мо медонем, ки ҳангоме имондор мемирад, рӯҳи вай ҷисмро тарк мекунад, то бо Масеҳ бошад, ки ин бағоят афзалтар аст. Вай дар ҷисм нест, вай дар хонааш, ҳамроҳи Худованд аст. Вай ба ҳаёти ҷовидонӣ бо тамоми пуррагии он ворид мешавад.

Масеҳ на танҳо ҳаётро, балки *бефаноиро* низ *дурахшон намуд. Бефаноӣ* ин ҷо ба растохези ҷисм дахл дорад. Дар 1Қуринтиён 15,53 дар бораи «он чи вайроншаванда аст, либоси вайроннашавандагӣ пӯшад, ва он чи миранда аст, либоси намирандагӣ пӯшад», хонда, мо медонем, ки агарчи ҷисм дар қабр гузошта шудааст ва ба хок табдил меёбад, бо вуҷуди ин, ҳангоми бозомадани Масеҳ ҳамин ҷисм аз қабр бармехезад ва намуди ҷисми ҷалолёфтаро мегирад, ба монанди ҷисми худи Худованд. Муқаддасони Аҳди Қадим ин донишро надоштанд. Он *ба воситаи зоҳиршавии Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ ошкор гардидааст.*

**1,11** Павлус маҳз барои эълони ин Хушхабар *воиз ва расул ва муаллими халқҳо таъйин шуда* буд. *Воиз* хабаррасонест, ки вазифааш чизеро дар назди умум эълон кардан аст. Расул касест, ки ӯро Худо фиристодааст, муҷаҳҳаз намудааст ва қувват додааст. *Муаллим* касест, ки вазифааш таълим додани дигарон аст; вай ба таври осонфаҳм ҳақиқатро мефаҳмонад, то ки дигарон ба он бо имон ва итоаткорӣ ҷавоб диҳанд. Калимаи «халқҳо»[7] ба вазифаи махсуси Павлус дар байни халқҳои ғайрияҳудӣ ишорат мекунад.

**1,12** Маҳз аз боиси софдилона ба ҷо овардани вазифааш Павлус акнун аз маҳбусӣ ва танҳоӣ *азоб* мекашид. Вай ҳақиқати Худоро бе дудилагӣ эълон мекард. Ҳеҷ гуна тарс барои бехатарии шахсӣ вайро ба хомӯшӣ маҷбур карда наметавонист. Ҳатто ҳозир, ҳабс шуда ва ба зиндон партофта шуда, вай аз ҳеҷ чиз таассуф намехӯрд. Вай *хиҷил намешуд*; Тимотиюс низ бояд *хиҷил намешуд*. Агарчи Павлус барои бехатарии худ ҳеҷ гуна боварӣ надошт, аз *Оне ки* вай ба *Ӯ имон оварда* буд, *дилпур буд*. Агарчи Рум расулро аз ҳаёт маҳрум карда метавонист, одамон қудрат надоштанд ба Худованди вай зараре расонанд. Павлус медонист, ки Оне ки вай ба Ӯ имон оварда буд, *қодир аст*. Қодир аст чӣ кунад? *Қодир аст амонати* вайро *то он рӯз нигоҳ дорад*. Илоҳиётшиносон ихтилофи ақида доранд, ки ин ҷо Павлус чиро дар назар дошт. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки сухан дар бораи наҷоти рӯҳи вай меравад. Дигарон дар ин ишораеро ба Хушхабар мебинанд. Дигар хел карда гӯем, агарчи одамон Павлусро қатл карда метавонистанд, ба Хушхабар мамониат карда наметавонистанд. Ҳар қадар ки кӯшишҳои мухолифат ба он шадидтар шаванд, вай ҳамон қадар пеш меравад.

Эҳтимол, ин суханонро ба маънои хеле васеъ аз назар гузарондан дуруст аст. Павлус боварӣ дошт, ки кори вай дар дастони боварибахштарин аст. Эҳсосоти тира вайро ҳатто ҳамон вақте азоб намедоданд, ки вай дар рӯ ба рӯи марг меистод. Исои Масеҳ Худованди Тавонои вай аст, ва ҳамроҳи Ӯ мағлубият ва нокомӣ буда наметавонист. Ҳеҷ чиз боиси хавотиршавӣ набуд. Вай ба наҷоти худ, ва низ ба муваффақияти ниҳоии хизмати

худ ба Масеҳ дар ин ҷо, дар замин, шубҳае надошт.

*«Он рӯз»* яке аз ибораҳои дӯстдоштаи Павлус аст. Он ба бозомадани Исои Масеҳ ва қисман ба Курсии Доварии Масеҳ дахл дорад, вақте хизмат ба Ӯ аз назар гузаронида мешавад ва Худо аз рӯи марҳамати Худ одамонро барои садоқат мукофот медиҳад.

**1,13** Ин оятро ду хел маънидод кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, Павлус Тимотиюсро рағбатнок мекунад, ки *намунаи суханони солимро пайравӣ намояд.* Аз вай талаб карда мешавад, ки на танҳо ба ҳақиқати Каломи Худо содиқ бошад, балки худи суханонеро, ки ҳақиқат аз онҳо тасвия шудааст, қатъиян пайравӣ намояд. Инро бо мисоли зерин фаҳмондан мумкин аст. Дар рӯзҳои мо дар ҳар сари қадам пешниҳоди даст кашидан аз иборaҳои кӯҳнашудаи «зода шудан аз олами боло» ва ё «хуни Исо» шунида мешавад. Одамон забони бештар ҳозиразамонро истифода бурдан мехоҳанд. Аммо ин ҷо хатаре ҳаст. Аз тарзи баёни хоси Навишта даст кашида, одамон аксаран аз он ҳақиқатҳое низ даст мекашанд, ки бо ин ибораву ифодаҳо баён карда мешуданд. Бинобар ин Тимотиюс бояд худи *намунаи суханони солимро пайравӣ* менамуд.

Аммо ин оятро чунин низ тафсир кардан мумкин аст, ки суханони Павлус бояд ба Тимотиюс ҳамчун намуна хизмат кунанд. Ҳамаи он чи Тимотиюс дар оянда таълим медиҳад, бояд пурра бо нақшаи ба вай додашуда мувофиқат кунад. Ин хизматро Тимотиюс бояд бо *имон ва муҳаббате ки дар Масеҳ аст,* ба ҷо оварад. *Имон* на танҳо боварӣ, балки вобастагӣ низ мебошад. *Муҳаббат* на танҳо муҳаббат ба Худоро, балки *муҳаббат* ба дигар масеҳиён ва ба ҷаҳони ҳалокшудаистодаи атрофамонро низ дар бар мегирад.

**1,14** *Амонати нек* Хушхабар аст. Ба Тимотиюс хабар дар бораи муҳаббати халоскунанда супорида шуда буд. Ба он чизеро илова кардан ва ё бо ягон восита беҳтар кардан лозим нест. Вай вазифадор аст онро *ба воситаи Рӯҳулқудсе ки дар мо сокин аст, нигоҳ* дорад. Ҳангоме ки Павлус ин Номаро менавишт, вай оид ба муртадии васеъ паҳншуда, ки ба ҷамоат таҳдид мекард, медонист. Ба имони масеҳӣ аз ҳар тараф ҳуҷум хоҳанд кард. Павлус ба Тимотиюс насиҳат медод, ки ба Каломи Худо содиқ монад. Дар ин кор ба вай лозим намеояд, ки танҳо ба қувваи худ такя кунад. Рӯҳулқудс, ки дар вай сокин аст, барои ин ба вай ҳама чизи даркориро медиҳад.

**1,15** Дар бораи абрҳои тираи бар ҷамоат ғуншудаистода фикр карда, расул оид ба он фикр мекунад, ки чӣ тавр масеҳиён аз *вилояти Осиё* вайро *тарк карданд.* Азбаски Тимотиюс ҳангоми навишта шудани Нома, аз афташ, дар Эфесус буд, вай хеле хуб медонист, ки расул киро дар назар дошт.

Пурра имкон дорад, ки ҳангоме масеҳиёни вилояти Осиё фаҳмиданд, ки Павлус ҳабс шудааст ва ба зиндон партофта шудааст, муносибатро бо вай қатъ карданд. Онҳо ӯро дар он лаҳзае тарк карданд, ки ӯ ба онҳо беш аз ҳама эҳтиёҷ дошт. Шояд, ин аз он сабаб рӯй дод, ки онҳо аз бехатарии шахсии худ хавф доштанд. Ҳукумати Рум ба ҳамаи онҳое ки дини масеҳиро паҳн мекарданд, бо шубҳа менигарист. Расул Павлус яке аз машҳуртарин намояндагони масеҳият буд. Ҳар касе ки ҷуръати робита бо ӯро дошт, ҳамчун тарафдори кори ӯ айбдор карда мешуд.

Павлус намегӯяд ва дар назар надорад, ки ин масеҳиён Худованд ва ё ҷамоатро тарк кардаанд. Аммо бо вуҷуди ин Павлусро дар ин лаҳзаи вазнин тарк кардан рафтори буздилона ва хиёнаткорона аст.

Шояд, *Фиҷелус ва Ҳармуҷанис* сардори ҳаракате буданд, ки мекӯшид аз Павлус канораҷӯӣ кунад. Дар ҳар ҳол онҳо таҳқири Масеҳро ҳамроҳи хизматгораш ба дӯш гирифтан нахоста, гирифтори шармандагӣ ва нафрати ҷовидонӣ шуданд. Гай Кинг дар ин хусус зикр намудааст, ки онҳо «барои номҳои на он қадар зебояшон айбдор нестанд, балки барои хислати безебашон».

**1,16** Оид ба *Анисифурус* бошад ақидаҳои илоҳиётшиносон аз ҳам фарқ мекунанд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки вай низ Павлусро тарк кард, ва аз ҳамин сабаб расул дуо мекунад, ки *Худованд ба* вай *марҳамат намояд.* Дигарон ақида доранд, ки вай ҳамчун истиснои хушбахтона аз онҳое ки тасвир шуда буданд, зикр шудааст. Ба назари мо, ақидаи дуюм дуруст аст.

Павлус хоҳиш мекунад, ки *Худованд ба аҳли хонаи Анисифурус марҳамат намояд.* Марҳамат мукофот барои онҳоест, ки раҳмдил буданд (Мат. 5,7). Мо намедонем, ки Анисифурус Павлусро чӣ гуна *роҳат мебахшид.*

Шояд, вай ба зиндони намнок ва торики румӣ хӯрок ва либос меовард. Дар ҳар ҳол вай аз дидорбинии Павлус дар зиндон *хиҷил намешуд.* Ҳеҷ гуна хавф оид ба некӯаҳволии худ наметавонистанд ба вай халал расонанд, то ба дӯсташ дар вақти душвории ӯ ёрӣ расонад. Ин фикрро Ҷоветт хеле хуб баён кардааст:

*Бо суханони «аз занҷирҳоям хиҷил нашуд» расул хислати Анисифурусро нозук тасвир намудааст. Занҷирҳое ки одамро дар банд нигоҳ медоранд, доираи дӯстонашро танг мекунанд. Занҷирҳои камбағалӣ ва ҳамчунин номашҳурӣ ба канораҷӯӣ водор мекунанд. Ҳангоме ки одам дар байни омма эҳтиром дорад, дӯстонаш зиёданд. Аммо ҳангоме ки вай занҷирбанд мешавад, дӯстон аксаран ӯро тарк мекунанд. Аммо ходимони шафақи субҳ ҳангоми торикии шаб омаданро дӯст медоранд. Онҳо шоданд дар он ҷое хизмат кунанд, ки маъюсӣ ва рӯҳафтодагӣ ҳукмфармоянд, дар ҷое ки бандҳо ба рӯҳи кас аз ҳама сахттар фишор меоранд. Вай «аз занҷирҳоям хиҷил нашуд». Ин занҷирҳо қувваи ҷалбкунанда доштанд. Онҳо ба пойҳои Анисифурус суръат ва ба хизмати вай таъхирнопазирӣ мебахшиданд.*[8]

Баъзан дар ин оят водоркунӣ ба дуо барои мурдагонро мебинанд. Дар ин ҳол мегӯянд, ки ҳангоме Павлус мактубро менавишт, Анисифурус аллакай мурда буд ва акнун Павлус аз Худо хоҳиш мекунад, ки ба вай марҳамат намояд. Аммо дар ҳеҷ ҷой ишорае нест, ки Анисифурус мурда буд. Тарафдорони ин ақида беҳудагӯёнанд, ки дар ҷустуҷӯи амалияи ба Навиштаи Муқаддас мухолиф аз мӯй мадад меҷӯянд.

**1,17** Ҳангоме ки Анисифурӯс *ба Рум омад,* вай камаш се имконият дошт. Аввалан, вай метавонист аз ҳама гуна робита бо масеҳиён дурӣ ҷӯяд. Сониян, вай метавонист бо масеҳиён пинҳонӣ вохӯрад. Ва ниҳоят, вай метавонист ҳаёти худро ба хатар гузошта, барои дидорбинии Павлус ба зиндон равад. Ин метавонист ӯро ба ҳокимияти румӣ рӯ ба рӯ намояд. Боиси шарафи нагузарандаи ӯст, ки ӯ роҳи сеюмро интихоб намуд. Ӯ Павлусро *бисёр ҷустуҷӯ намуда,* ӯро *ёфт.*

**1,18** Расул дуо мекард, ки ин дӯсти вафодор *дар он рӯз марҳамат ёбад.* Калимаи «*марҳамат*» ин ҷо ба маънои «мукофот» истифода мешавад. «Он рӯз», чунон ки зикр шуда буд, замонест, ки ин мукофотҳо дода мешавад, яъне Курсии Доварии Масеҳ.

Дар хотимаи ин боб расул Павлус ба Тимотиюс хотиррасон мекунад, ки Анисифурус дар *Эфесус* ба Павлус хизматҳои зиёде кардааст.

## Б. Оид ба устувор будан (2,1-13)

**2,1** *Бо файзе ки дар Масеҳ Исо аст, зӯрманд* будан яъне далер будан ба шарофати қуввае ки файзи Ӯ медиҳад, ва бо истифодаи лаёқати муфте ки мо аз боиси иттиҳод бо Ӯ доро мешавем, содиқона барои Худованд хизмат карданро давом додан.

**2,2** Тимотиюс бояд на танҳо худ қавӣ шавад, балки оид ба қуввати рӯҳонии *дигарон* низ ғамхорӣ намояд. Вай вазифадор аст таълимоти илҳоми илоҳӣ доштаро, ки аз расул гирифтааст, ба дигарон диҳад. Ба қарибӣ Павлусро лозим меояд, ки аз саҳна берун равад. Вай Тимотиюсро *дар ҳузури шоҳидони бисёр* вафодорона таълим медод. рӯзи хизматгузории худи Тимотиюс дар ҳолати беҳтарин кӯтоҳ хоҳад буд, ва ӯ бояд хизматгузориро чунон ташкил намояд, ки дигарон низ муаллим шуда, кори саркардаро давом диҳанд.

Ин оят ба ҳеҷ ваҷҳ ақидаро оид ба муттасилии расулӣ дастгирӣ намекунад. Он ба амалияи ҳозираи дастгузории ходимони дин низ дахле надорад. Ин танҳо насиҳати Худованд ба ҷамоат оид ба зарурати таъмини муттасилии силсилаи муаллимони босалоҳият мебошад.

Баъзан ба он ишорат мекунанд, ки дар ин оят чор насли масеҳиён нишон дода шудаанд:

1. Расул Павлус.
2. Тимотиюс ва шоҳидони зиёд.
3. Одамони боваринок.
4. Дигарон.

Ин ояти Навиштаҳо таъкид мекунад, ки дар кори паҳн кардани Хушхабар иштирок карданй ҳар як узви ҷамоат чӣ қадар муҳим аст. Агар ҳар як имондор ҳиссаи кори худро содиқона ба ҷо меовард, Хушхабар ба ҷаҳон дар давоми ҳаёти як насл расонида мешуд. Аммо бо назардошти табиати фосидшудаи инсон, рақобат дар байни динҳои ҷаҳонӣ ва фирқаҳо ва бисёр монеаҳои дигар, ин танҳо тахмин аст. Аммо дар ҳар ҳол бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки

муваффақиятҳои масеҳиён назар ба он чи то ҳол ҳаст, хеле бештар буда метавонистанд!

Диққат диҳед, ки Тимотиюс ҳақиқатро бояд ба *одамони боваринок,* яъне ба одамони имондор ва сазовори боварӣ медод. Ин одамон бояд *лаёқат дошта бошанд ба дигарон низ таълим диҳанд.* Он чиз дар назар дошта шудааст, ки дар хизмати муаллимӣ як андоза салоҳиятнокӣ даркор аст.

**2,3** Борҳо зикр шуда буд, ки оид ба Тимотиюс сухан ронда, Павлус бисёр монандкуниҳоро ба кор мебарад, 1) фарзанд (о. 1), 2) сарбоз (о. 3.4), 3) варзишгар (о. 5), 4) зироаткор (о. 6), 5) коркун (о. 15), 6) зарф (о. 21), 7) банда (о. 24).

*Ҳамчун сарбози неки Худованд, Тимотиюс* бояд *ба азобҳо* ва душвориҳо *тоб оварад*[9] (рӯйхати азобҳоеро, ки худи Павлус аз сар гузарондааст, дар 2Қур. 11,23-29 бинед).

**2,4** Дар ин оят сарбозе тасвир шудааст, ки вазифаи худро адо мекунад. Гузашта аз ин, вай дар миёни муҳориба аст. Ҳеҷ кадом сарбоз дар чунин вазъияти мудҳиш *худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад.*

Оё ин чунин маъно дорад, ки хизматгорони Худованд ҳеҷ гоҳ набояд бо корҳои рӯзгор низ машғул шаванд? Албатта, не! Худи Павлус низ, Хушхабарро эълон карда ва ҷамоатҳо таъсис намуда, хаймадӯзӣ мекард. Ӯ шаҳодат медод, ки бо дастони худ меҳнат карда, эҳтиёҷоти худро конеъ мекард.

Ин ҷо зада дар феъли *«банд намекунад»* аст. Сарбоз набояд ба корҳои одии рӯзгор имкон диҳад, ки ба мақсади асосии ҳаёташ табдил ёбанд. Масалан, ба даст овардани хӯрок ва пӯшок набояд ғамхории асосии вай шаванд. Не, дар ҷои асосӣ бояд хизмат ба Масеҳ бошад, масъалаҳои рӯзгор бояд дар мадди охир бошанд. Келлӣ мегӯяд: «Худро бо корҳои рӯзгор банд кардан дар асл аз ҳар гуна ҷудошавӣ аз ин ҷаҳон даст кашида, дар корҳои он ҳамчун шарики баробарҳуқуқ иштирок кардан аст».[10]

*«Сарбоз»* ки хизматро ба ҷо меоварад, пурра омодааст фармони роҳбариятро фавран иҷро кунад. Вай мехоҳад *ба фармондеҳ писанд афтад. Фармондеҳи* имондор – Масеҳ аст, ва муҳаббатамон ба Ӯ бояд моро водор намояд, ки он қадар сахт дар пайи чизҳои дунявӣ набошем.

**2,5** Ин ҷо симои сарбоз бо симои варзишгар иваз мешавад, ки дар мусобиқа қувваозмоӣ *(мубориза)* мекунад. Барои ба даст овардаи мукофот вай бояд қоидаҳои бозиро риоя кунад. Дар хизмати масеҳӣ низ ҳамин тавр аст. Бисёриҳо ба марра нарасида, аз саф берун мешаванд, чунки барои дар итоати бегуфтугӯ ба Каломи Худо зиндагӣ накардан хориҷ карда шудаанд.

Инак баъзе қоидаҳои хизматгузории масеҳиёна:

1. Масеҳӣ бояд ҳамеша худро назорат кунад (1Қур. 9,27).
2. Вай бояд на бо силоҳи ҷисмонӣ, балки рӯҳонӣ мубориза барад (2Қур.10,4).
3. Вай бояд худро дар покӣ нигоҳ дорад.
4. Вай набояд мунозира кунад, балки сабру таҳаммул зоҳир намояд.

Касе гуфтааст: «Дар мафҳуми *«масеҳии вақти холӣ»* (шахсе ки дар вақти холӣ масеҳӣ аст) зиддияти дохилӣ нуҳуфтааст; тамоми зиндагии кас бояд кӯшиши фаъолонаи ҳар лаҳза, дар ҳар соҳаи ҳаёти худ масеҳиёна зистан бошад».

**2,6** *Зироаткори меҳнаткаш бояд аввалин шахс бошад, ки аз ҳосил баҳра барад.* Мувофиқи принсипи адолат, касе ки барои ба даст овардани *ҳосил* меҳнат мекунад, бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки аввалин шуда аз он баҳра барад.

Агарчи Дарбӣ бо ин фикр розӣ аст, вай ақида дорад, ки маънои ин порча чунин аст: барои аз қисми ҳосил баҳра бурдан фермер бояд меҳнат кунад. Бинобар ин вай тарҷума мекунад: «Зироаткор бояд меҳнат кунад, пеш аз он ки аз ҳосил баҳра барад». Ин чиз фикрро оид ба зарурат нигоҳ медорад: сарбоз бояд тоқат кунад; варзишгар бояд қоидаҳоро риоя кунад; фермер бояд меҳнати вазнин кунад.

**2,7** Аммо дар ин се тасвири хизмати масеҳиёна аз он чи дар назари аввал метобад, маънии амиқтаре ниҳон аст. Павлус ба Тимотиюс мефармояд, ки оид ба онҳо фикр кунад. Расул дуо мекунад, ки дар айни ҳол *Худованд дар ҳама чиз ба* вай *фаҳм* диҳад[11]. Вай дарк мекунад, ки хизмати масеҳиёна ба муҳориба, мусобиқаи варзишӣ ва меҳнати зироаткор монанд аст. Ҳар яке аз ин се шуғл қоидаҳои худро дорад ва мукофоти худро дорад.

**2,8** Ин ҷо суханони расул, ки барои рӯҳбаланд кардани Тимотиюс равона карда шудаанд, ба авҷи худ мерасанд: Павлус ба намунаи Худованд Исо мурoҷиат мекунад, ки касе болотар аз Ӯ буда наметавонад. Ӯ намунаи

уқубатҳоест, ки аз пайи онҳо ҷалол омад. *Исои Масеҳро дар хотир нигоҳ дор, ки аз насли Довуд буд ва аз мурдагон эҳё шуд, ин аст Инҷили ман.* Маънои ин калимаҳо на дар он аст, ки Тимотиюс бояд фактҳои муайянеро оид ба Худованд дар ёд дошта бошад; не, вай бояд Худи Шахсиятеро дар хотир дошта бошад, ки *аз мурдагон эҳё шуд*.

Ба як маъное ояти 8 баёни мухтасари Хушхабареро дар бар мегирад, ки Павлус мавъиза мекард. Нуқтаи олии ин Хушхабар растохези Наҷотдиҳанда аст. Ҳиберт менависад: «Нигоҳи Тимотиюс на ба Исои ба салиб кашидашуда, балки ба Худованди зиндашуда»[12] равона аст .

Ибораи *«аз насли Довуд»* танҳо баёни он аст, ки Исо – Масеҳ, аз авлоди Довуд аст, ки дар Ӯ ваъдаҳои Худо оид ба Масеҳ иҷро шудаанд.

Хеле муҳим аст, то ҳамаи онҳое ки ба Худованд хизмат карданӣ ҳастанд, доимо Шахсият ва меҳнати Ӯро дар хотир нигоҳ доранд. Ёдовариҳо оид ба он ки ҳатто барои Худованд роҳ ба сӯи ҷалоли осмон ба василаи салиб ва қабр буд, рӯҳбаландии махсусест ба одамоне ки зери таҳдиди уқубатҳо ва ё ҳатто марг мебошанд.

**2,9** Павлус маҳз барои мавъизаи Хушхабар, ки дар ояти 8 мухтасар баён шудааст, акнун дар зиндони румӣ занҷирбанд карда шудааст. Ба вай ҳамчун ба *бадкор,* ҳамчун ба ҷинояткор менигаранд. Аз ин рӯҳафтода шудан мумкин буд. Охир, на танҳо ҳукумати румӣ ӯро қатл карданӣ буд, балки баъзе дӯстони масеҳӣ низ аз ӯ рӯй гардонданд.

Ва бо вуҷуди ин, бар хилофи ҳамаи вазъиятҳо, рӯҳи хушбахти Павлус бар деворҳои зиндон баланд парвоз мекард. Бо ёдоварии он, ки *каломи Худо ба занҷирҳо банд нест,* вай пешбиниҳои тираро оид ба ояндаи худ фаромӯш мекунад. Чунон ки Ленскӣ гуфтааст, «худи расул ба хуни худ оғушта шуда, хомӯш шуда метавонад, аммо он чи Худованд ба воситаи вай мегӯяд, ба ҳар ҳол дар тамоми ҷаҳон садо хоҳад дод». Тамоми лашкарҳои ҷаҳон наметавонанд ба паҳншавии Каломи Худо халал расонанд. Бо ҳамон гуна муваффақият онҳо метавонистанд ба боридани борон ё барф халал расонданӣ шаванд (Иш. 55,10.11). Ҳарвӣ мегӯяд:

*Он бо қувваи рафънопазири илоҳӣ ҳаракати пирӯзмандонаи худро давом медиҳад, ҳатто агар муҳофизони он дар зиндон азоб кашанд ва дар уқубатҳо бимиранд ҳам. Одамон мемиранд, аммо Масеҳ ва Хушхабари Ӯ дар тамоми асрҳо зиндагӣ мекунанд ва пирӯз мешаванд.*[13]

**2,10** Дар асли худ раднопазир будани Хушхабарро дониста, Павлус тайёр буд *ба ҳар чиз ба хотири интихобшудагон сабр* кунад. *Интихобшудагон* гуфта ин ҷо ҳамаи онҳое дар назар дошта шудаанд, ки аз тарафи Худо барои наҷоти ҷовидонӣ интихоб шудаанд. Агарчи Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки Худо одамонро барои наҷот интихоб мекунад, он дар ҳеҷ ҷой намегӯяд, ки баъзеҳоро Ӯ барои лаънат интихоб мекунад. Ҳамаи наҷотёфтагон бо файзи соҳибихтиёронаи Худо наҷот ёфтаанд. Ҳамаи ҳалокшудагон дар натиҷаи интихоби ихтиёрии худ ҳалок шудаанд.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад бо Худо оид ба таълимоти интихоб мунозира кунад. Ин таълимот доимо ба Худо имкон медиҳад, ки Худо, Ҳокими соҳибихтиёри олам бошад, ки амалҳои Ӯро файз, адолат, росткорӣ ва муҳаббат ҳидоят менамоянд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ягон амали беадолатона ё бад намекунад, балки аксаран ҳусни таваҷҷуҳеро ато мекунад, ки ҳеҷ кас сазовори он нест.

Расул дарк мекард, ки ба шарофати уқубатҳои вай дар роҳи Хушхабар ҷонҳо наҷот пайдо карданд ва ин ҷонҳо замоне дар *ҷалоли абадӣ* ҳамроҳи *Исои Масеҳ* иштирок хоҳанд кард. Дидани гуноҳкорони ҷинояткор, ки бо файзи Худо наҷот дода шудаанд ва ҳамроҳи Исои Масеҳ ҷалол ёфтаанд, – ин чиз кофӣ буд, то Павлусро барои тоқат ба ҳамаи таъқибот рӯҳбаланд кунад. Ин ҷо суханоне ба ёд меоянд, ки ба Рузерфорди худотарс нисбат дода мешаванд:

*Оҳ, агар дар ямини Худо*
*ман ҷонеро аз шаҳрамон вохӯрам,*
*Осмони ман боз ҳам зеботар хоҳад буд*
*дар замини Имонуил.*

**2,11** Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки оятҳои 11-13 суханони суруди қадимии масеҳиёна мебошанд. Чунин аст ё не, дар онҳо, бешубҳа, баъзе принсипҳои ҳатмие баён шудаанд, ки ба муносибатҳои одам ва Худованд Исои Масеҳ дахл доранд. Ҳиберт менависад: «Ҳақиқати марказии ин гуфтаҳои ниҳоят пурмазмун чунин аст: имон ба Масеҳ масеҳиро бо Ӯ ҳамонанд мекунад, дар ҳоле ки беимонӣ одамро аз

Ӯ ҷудо мекунад».[14] Дар мактубҳои Павлус ин *«суханони дуруст»-и* чорум аст.

Принсипи якум ин ҷо он аст, ки *агар бо* Масеҳ *мурда бошем, бо Ӯ зиндагӣ ҳам хоҳем кард.* Ин нисбати ҳар як масеҳӣ дуруст аст. *Мо* ба маънои рӯҳонӣ *бо Ӯ* дар он лаҳза *мурдем,* ки ба Ӯ чун ба Наҷотдиҳандаи худ имон овардем. Мо бо Ӯ дафн карда шудем ва бо Ӯ аз мурдагон зинда шудем. Масеҳ барои мо ва ба ҷои мо мурд. Мо барои гуноҳҳоямон сазовори марг будем, аммо ба ҷои мо аз боиси онҳо Масеҳ мурд. Худо чунин меҳисобад, ки *мо бо Ӯ мурдаем,* ин бошад чунин маъно дорад, ки мо *бо Ӯ* дар осмон *зиндагӣ* низ *хоҳем кард.*

Шояд, ин оят ба он масеҳиён дахл дорад, ки бо уқубатҳо мурдаанд. Онҳое ки ҳамин тавр аз пайи Ӯ ба марг мераванд, айнан ҳамин тавр дар зиндашавӣ низ пайрави Ӯ хоҳанд буд.

**2,12** Ба маънои муайян ҳамаи масеҳиёнро лозим меояд, ки тоқат кунанд, ва ҳамаи онҳо *бо Ӯ салтанат хоҳанд ронд.* Имони ҳақиқӣ ҳамеша чунин сифатеро ба монанди устуворӣ дорад, ва ба ин маъно ҳамаи масеҳиён *тоқат* мекунанд.

Аммо бояд гуфт, ки на ҳама ба як дараҷа ҳамроҳи Масеҳ салтанат хоҳанд ронд.

Ҳангоме ки Ӯ барои бар замин ҳукмронӣ кардан бозмегардад, бо Ӯ муқаддасон бозмегарданд, то ҳамроҳи Ӯ ҳукм ронанд. Аммо андозаи ҳукмронии онҳо бо андозаи садоқат ба Масеҳ дар ин зиндагӣ муайян карда мешавад.

Масеҳ онҳоеро, ки Ӯро *инкор* кардаанд, инкор мекунад. Ин ҷо гап на дар бораи инкори муваққатии Наҷотдиҳанда, чун дар ҳолати Петрус, балки дар бораи инкори доимие мебошад, ки ба ҳукми одат даромадааст. Ин суханон ба мо симои беимонро касеро тасвир мекунанд, ки ҳеҷ гоҳ Худованд Исоро бо имон қабул накарда буд. Ҳар қадар эътирофи онҳо тақводорона бошад ҳам, Худованд ҳамаи онҳоро инкор мекунад.

**2,13** Ин оят ҳамчунин беимононро тасвир мекунад. Динсдейл Янг мефаҳмонад: «Худо ба Худ мухолифат карда наметавонад. Муносибати якхела ба имондорон ва беимонон ба хислати Ӯ мувофиқат намекунад. Мо ҳар гунае бошем ҳам, Ӯ ҷовидона ба росткорӣ вафодор мемонад».[15]

Ин суханонро набояд ҳамчун таълимот оид ба он тафсир намуд, ки вафодории Худо дар таҳсини беимонон зоҳир мешавад. Ин тавр нест. Агар одамон беимон бошанд, *Ӯ* бояд ба хислати Худ *вафодор* бошад ва бо онҳо мувофиқан рафтор намояд. Чунон ки Ван Оостерсее мегӯяд, «Ӯ ба огоҳиҳои Худ ба ҳамон андозае вафодор аст, ки ба ваъдаҳои Худ содиқ аст».[16]

## III. САДОҚАТЕ КИ БА МУРТАДӢ МУҚОБИЛ МЕИСТАД (2,14–4,8)

### А. Садоқат ба масеҳияти ҳақиқӣ (2,14-26)

**2,14** Тимотиюс бояд *ҳаминро,* яъне он чиро, ки дар оятҳои 11-13 гуфта шудааст, *хотиррасон кунад.* Аммо ба кӣ бояд Тимотиюс *хотиррасон кунад?* Павлус, аз афташ, умуман ҳамаи шунавандагони Тимотиюсро ва ба таври мушаххас онҳоеро дар назар дорад, ки таълимоти бегонаро мавъиза мекарданд. Ба фоидаи ин гуна тафсир қисми дуюми оят мегӯяд. Он ҷо расул ба онҳое ки, аз афташ, вазифаи муаллимон ё воизонро ишғол мекарданд, огоҳӣ медиҳад, ки *ба баҳсу мунозира машғул нашаванд.* Аз афташ, дар Эфесус одамоне буданд, ки оид ба маънои махсуси баъзе калимаҳо баҳсу мунозираи беохир карда метавонистанд. Онҳо ба ҷои дар ҳақиқати Каломи Худо насиҳат додани шунавандагон имони баъзеи онҳоро вайрон мекарданд.

Динсдейл Янг огоҳӣ медиҳад:

*Ба илоҳиётшиноси содалавҳи дур аз ҳаёт табдил ёфтан хеле осон аст: охир, мо бо омодагӣ ба масъалаҳое ғӯтавар мешавем, ки барои зиндагии мо муҳим нестанд! Ҳаёт хеле кӯтоҳ ва пуршуда аст, то қувваи дил ва ақлро ба он чи аз рӯи хислат созанда нест, сарф кунем.*

*Ҳангоме ки ҷаҳон эълони Хушхабарро интизор аст, доимо дар пайраҳаҳои камодами таълимоти динӣ сайру гашт кардан ё шитобидан ҷиноят аст. Бо роҳи марказӣ равед. Ба ҳақиқатҳои асосӣ вафодор бошед. На чизи ҷузъиро, балки муҳимро таъкид кунед. Ба онҳое монанд нашавед, ки дар рӯзҳои Шамҷар ва Ёил қурбонии воҳима шуда, роҳҳои ростро тарк карданд ва бо роҳҳои давродавр роҳ гаштанро сар карданд.*[17]

**2,15** Тимотиюс бояд *саъю кӯшиш намояд, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳад.* Вай бояд саъю кӯшиши худро ба он равона кунад, то *коркуне* шавад, *ки хиҷил намешавад.* Вай

*каломи ростиро дуруст таълим дода*, инро ба ҷо оварда метавонад. Ибораи охир чунин маъно дорад: бо Навиштаҳо дуруст рафтор намудан, ё ба суханони Алфорд, «ҳақиқатро дар тамоми пуррагияш дуруст ва бехато тафсир карда тавонистан».[18]

**2,16** *Беҳудагӯии худобехабарона* таълимоти нолоиқ, ҳалокатовар ва бефоида мебошанд. Онҳо ба халқи Худо ҳеҷ нафъе намеоранд, ва аз онҳо бояд канора ҷуст. Тимотиюс набояд бо ин гуна таълимот мубориза барад, вай бояд ба онҳо бо нафрат муносибат карда, лоиқи диққат наҳисобад.

Яке аз мушкилоти беҳудагӯён дар он аст, ки онҳо худро нигоҳ дошта наметавонанд ва ба нишебӣ ғелида мераванд. Онҳо беш аз пеш *ба маъсият гирифтор* мешаванд. Ин ба ҳамаи шаклҳои иштибоҳ хос аст. Онҳое ки иштибоҳро таълим медиҳанд, ба он доимо чизи навро илова накарда наметавонанд.

Хушкнашавандагии сели таълимот ва эъломияҳои нав, ки аз системаҳои динии бардурӯғ фаввора мезананд, аз ҳамин сабаб аст. Баробари чуқуртар шудани иштибоҳ *маъсият* низ паҳн мешавад.

**2,17** *Паҳн шудани* ин таълимоти зарарнок бо паҳншавии *мараз* монанд карда мешавад. Аксарият хеле хуб медонанд, ки ин бемории даҳшатовар дар бадани инсон чӣ гуна тез паҳн мешавад ва ба ҳар ҷое ки расад, бофтаҳоро вайрон мекунад.

Калимаи «мараз»-ро ҳамчун «қарасон» тарҷума кардан мумкин аст. Қарасон мурдани ягон қисми бадан ҳангоми вайрон шудани таъмини муътадил бо хун ва моддаҳои ғизоӣ аст.

Дар ҷойҳои дигари Аҳди Нав таълимоти зарарнок бо хамиртуруш монанд карда мешавад, ки агар ба он имкон дода шавад, тадриҷан тамоми хамирро турш мекунад.

Номҳои ду кас гуфта шудаанд, ки таълимоташон ҷамоати маҳаллиро вайрон мекард: *Ҳумниюс ва Филитус*. Онҳо бо калимаҳои ҳақиқат муносибати нодуруст мекарданд ва аз ҳамин сабаб дар қатори онҳое ҷой гирифтанд, ки худро ҷовидона бадном кардаанд.

**2,18** Ин ҷо таълимоти дурӯғини онҳо фош карда мешавад. Онҳо ба одамон мегуфтанд, ки *растохез аллакай воқеъ шудааст*. Шояд онҳо дар назар доштанд, ки одам наҷот ба даст оварда, ба ҳаёти нав бо Масеҳ зинда мешавад ва ин ягона растохезест, ки ба он умед бастан мумкин аст. Дигар хел карда гӯем, онҳо растохезро ба қатори мафҳумҳои рӯҳонӣ дохил мекарданд ва ҳангоме оид ба ҳақиқатан аз қабр зинда шудани ҷисм мешуниданд, бо тамасхур механдиданд. Павлус хатари ҷиддиеро, ки ин таълимот барои ҳақиқати масеҳият дошт, фаҳмид. Ҳамилтон Смит менависад:

*Агар растохез аллакай воқеъ шуда бошад, пас муқаддасон ҳанӯз дар рӯи замин аллакай ба ҳолати ниҳоии худ расидаанд, ва дар натиҷа Ҷамоат интизории бозомадани Худовандро бас мекунад, ҳақиқатро оид ба насиби осмонии худ гум мекунад ва аз симои худ ҳамчун ғариб ва мусофир дар ин ҷаҳон даст мекашад. Ҷамоат дар замин мустаҳкам мешавад ва дар системае ҷой мегирад, ки барои ислоҳот ва идоракунии ҷаҳон кӯшиш мекунад.*[19]

*Имони баъзеро хароб* карда, ин одамон лоиқи зикри бад дар Китоби абадии Худо шуданд.

**2,19** Ҳангоме ки Павлус оид ба Ҳумниюс ва Филитус ва таълимоти дурӯғини онҳо фикр мекунад, вай махсусан равшан дарк мекунад, ки барои ҷамоат рӯзҳои сиёҳ фаро мерасанд. Ба ҷамоати маҳаллӣ беимонон қабул карда шудаанд. Ҳаёти рӯҳонӣ дар чунин ҳолати паст аст, ки аксаран масеҳии ҳақиқиро аз касе ки танҳо дар сухан имондор аст, фарқ кардан хеле душвор аст. Масеҳият ба тӯдаи омехта табдил ёфтааст, ва бесарусомоние ки дар натиҷаи ин пайдо мешавад, ҳалокатовар аст.

Дар чунин вазъият Павлус дар боварие тасалло меёбад, ки *бунёди мустаҳками Худо пойдор аст*. Ин чунин маъно дорад, ки бо вуҷуди аз ҳақиқат дур шудани ҷамоате ки худро масеҳӣ меномад, ҳама чизи аз тарафи Худи Худо муқарраршуда устувор хоҳад монд.

Бисёр маънидодҳое ҳастанд, ки *бунёди матини Худо* гуфта чӣ дар назар дошта шудааст. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки ин Ҷамоати ҳақиқист. Дигарон мегӯянд, ки ин ба ваъдаи Худо, ба имони масеҳӣ ва ё ба таълимот оид ба интихоб шудан дахл дорад. Аммо магар равшан нест, ки *бунёди Худо* гуфта ҳамаи амалҳои Худо дар назар дошта шудааст?! Агар Ӯ Каломи Худро фиристода бошад, ҳеҷ чиз ба он муқобилат карда наметавонад. Ҳамилтон Смит мегӯяд:

*Ҳеҷ гуна нобарориҳо ва шикастҳои одамон тавон надоранд бунёди гузоштаи Худоро*

*бартараф кунанд ва ё ба Худо дар анҷом додани коре ки сар кардааст, халал расонанд ... Касе ки ба Худованд тааллуқ дорад, агарчи дар байни тӯда гумгашта аст, дар ниҳояти кор гум шуда наметавонад.*[20]

*Бунёди Худо муҳри* дутарафа *дорад,* ки як тарафи он илоҳӣ, тарафи дигараш инсонӣ мебошад. Аз тарафи илоҳӣ – *Худованд мансубони Худро мешиносад.* Ӯ онҳоро на танҳо ба маънои шинохтан, балки низ ба маънои таҳсин кардан ва баҳои баланд додан медонад. Ленскӣ мегӯяд, ки вай онҳоро «бо муҳаббате ки аз они Худ мекунад ва самарнок аст»[21] шинохт. Тарафи одамии *муҳр* – *«Ҳар ки номи Худовандро хонад, бигзор аз беинсофӣ канорагирӣ намояд»*[22] Дигар хел карда гӯем, онҳое ки даъвои масеҳӣ будан доранд, метавонанд ҳақиқати изҳороти худро бо ҳаёти пок ва тақводорона исбот кунанд. Масеҳии ҳақиқӣ набояд бо норостӣ ягон умумияте дошта бошад.

Муҳр нишонаи соҳибӣ ва ё тамғаи кафолат ва амният аст. Ҳамин тавр *муҳр* дар *бунёди* Худо нишон медиҳад, ки имондорони ҳақиқӣ ба Ӯ тааллуқ доранд. Муҳр ҳамчунин гарави он аст, ки ҳамаи онҳое ки бозгашт карданд, воқеияти ҳаёти нави худро бо канораҷӯӣ аз ҳар норостӣ исбот хоҳанд кард.

**2,20** Чунон ки мо мефаҳмем, дар ин мисол *хонаи калон* умуман тамоми масеҳият аст. Масеҳият ба маънои васеи калима ҳам масеҳиёнро, ва ҳам онҳоеро дар бар мегирад, ки худро чунин меноманд – онҳоеро, ки ҳақиқатан аз олами боло зода шудаанд, ва онҳоеро, ки танҳо ба ном масеҳиянд.

*Зарфҳои тилло ва нуқра* – масеҳиёни ҳақиқӣ мебошанд.

Зарфҳои *чӯбин ва гилин* – на умуман ҳамаи беимонон, балки онҳое мебошанд, ки корҳои бад мекарданд ва таълимоти дурӯғинро пахн менамуданд, масалан, чун Ҳумниюс ва Филитус (о. 17).

Оиди ин зарфҳо сухан ронда, бояд як қатор фарқҳоеро зикр намоем, ки миёни онҳо вуҷуд доранд. Аввалан, фарқи моддаҳое ки онҳо аз он сохта шудаанд, хеле муҳим аст. Сониян, дар истифода фарқ ҳаст. Ва ниҳоят, фарқ дар тақдири ниҳоии онҳо. Зарфҳои чӯбин ва гилин баъди як муддате партофта мешаванд, зарфҳои нуқра ва тилло бошанд чун ашёи пурарзиш нигоҳ дошта мешаванд.

Илоҳиётшиносони гуногун *«баъзе барои истифодаи иззатнок ва баъзе барои истифодаи зиллатнок»*-ро ҳар хел маънидод мекунанд. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки маънои *барои истифодаи зиллатнок* «барои истифодаи беэътибортар» аст. Дар ин ҳол ҳамаи зарфҳо бояд масеҳиёни ҳақиқиро ифода кунанд, аммо баъзеҳо барои мақсадҳои баландтар истифода мешаванд, дигарон – барои мақсадҳои пасттар. Дигарон ақида доранд, ки зарфҳо *барои истифодаи иззатнок* гуфта одамоне ба монанди Павлус ва Тимотиюс дар назар дошта шудаанд, дар ҳоле ки зарфҳо *барои истифодаи зиллатнок* – одамоне ба монанди Ҳумниюс ва Филитус мебошанд.

**2,21** Тафсири ин оят аз бисёр ҷиҳатҳо ба он вобаста аст, ки одам таҳти калимаи *«инҳо»* дар ҷумлаи *«ҳар кӣ худро аз инҳо пок кунад»* чиро дар назар дорад.

Оё бо калимаи *«инҳо»* зарфҳои чӯбин ва гилин дар назар дошта шудаанд? Оё он бо таълимоти дурӯғини дар боло зикршуда муносибате дорад? Ё ин ҷо умуман роҳи исёнкорон дар назар дошта шудааст?

Он маъное бештар табиӣ метобад, ки «инҳо»-ро бо зарфҳо барои истифодаи зиллатнок алоқаманд мекунад. Павлус ба Тимотиюс насиҳат мекунад, ки аз исёнкорон ва хусусан аз муаллимони дурӯғине ки навакак зикр кард (Ҳумниюс ва Филитус), канора ҷӯяд.

Павлус ба Тимотиюс намегӯяд, ки ҷамоатро тарк кунад. Ҳамчунин ба вай намефармояд, ки масеҳиятро тарк кунад. Тимотиюс аз шаҳодати масеҳӣ даст накашида, ин корро карда наметавонист, чунки масеҳият ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки худро масеҳӣ меноманд. Не, ин ҷо сухан дар бораи зарурати ҷудо шудан аз корандагони бадӣ ва худро аз нуқсони таълимоти исёнкорона нигоҳ доштан меравад.

Касе ки худро аз наздикӣ бо бадӣ доғдорнашуда нигоҳ медорад, *зарфе барои истифодаи иззатнок* хоҳад буд. Дар хизмати пок Худо танҳо зарфҳои покро истифода бурда метавонад. «Худро тоза кунед, эй онҳое ки зарфҳои Худовандро мебардоред!» (Иш. 52,11). Ин гуна одам ба он маъно *муқаддас* хоҳад буд, ки аз гуноҳ барои хизмат ба Худо ҷудо карда мешавад. Вай *қобили истифодаи Соҳибаш* хоҳад буд – сифате ки ҳамаи дӯстдорони Худованд хоҳони онанд. Ниҳоят, вай *тайёр ба ҳама*

*амали нек* мешавад. Вай тайёр хоҳад буд ҳама вақт ба Худованди Худ, чунон ки Ӯ мехоҳад, хизмат кунад.

**2,22** Тимотиюс мебоист на фақат аз гуноҳкорон дурӣ меҷуст, вай ҳамчунин мебоист *аз майлҳои* ҷисм *мегурехт. Майлҳои ҷавонӣ* на танҳо маънои шаҳватҳои ҷисмониро, балки ҳирси пул, шараф ва лаззатро низ дошта метавонанд. Худхоҳӣ, бетаҳаммулӣ, ғурур ва сабукфикриро низ ба ин ҷо дохил кардан мумкин аст. Чунон ки зикр карда будем, Тимотиюс он вақт тахминан 35-сола буд. Бинобар ин, аз эҳтимол дур аст, ки *майлҳои ҷавонӣ* ин ҷо маънои хоҳишҳои пеш аз ҳама ба синну соли наврасӣ хосро дошта бошад; аниқтараш, инҳо хоҳишҳои исёнкоронае мебошанд, ки дар дили хизматгори ҷавони Худованд пайдо мешаванд ва ӯро аз пайраҳаи покӣ ва росткорӣ барканор карданӣ мешаванд.

Тимотиюс бояд на танҳо гурезад, балки саъю кӯшиш низ кунад. На танҳо ҷиҳати манфӣ, балки ҷиҳати мусбат низ ҳаст.

Вай бояд *аз пайи росткорӣ равад.* Ин маънои онро дорад, ки хусусияти ҷудоинопазири муносибатҳои вай бо одамони дигар, бо наҷотёфтагон, бо наҷотнаёфтагон, бояд инсоф ва адолат бошад.

*Имон* дар ин ҷо метавонад маънои вафодорӣ ё покии мутлақро дошта бошад. Аз ҷиҳати дигар, ин метавонад амри дар ҳама чиз ва ҳамеша ба Худованд такя кардан бошад. Ҳиберт имонро «боварии самимӣ ва фаъол ба Худо» меҳисобад.[23]

*Муҳаббат* ин ҷо танҳо муҳаббат ба Худо нест; ин ҷо бояд муҳаббат ба бародарон ва гуноҳкорони ҳалокшудаистода низ дохил карда шавад. Муҳаббат ҳамеша оид ба дигарон фикр мекунад, вай дар моҳияташ худхоҳ нест.

*«Осоиш»* оид ба мутобиқат ва ҳамдигарфаҳмӣ мегӯяд.

*Бо ҳамаи онҳое ки Худовандро бо дили пок мехонанд,* дар пайи ин некӯкориҳо будан лозим аст. Айнан чунон ки Павлус дар ояти 21 ба Тимотиюс мефармояд, ки аз одамони бадахлоқ канора ҷӯяд, ин ҷо вай ба ӯ оид ба мушоракат бо масеҳиёне мегӯяд, ки дар назди Худованд дар покӣ қадамгузоранд. Вай набояд дар ҷудоӣ ба некӯкориҳои ҳаёти масеҳиёна пайравӣ кунад; вай, чун узви Бадан, бояд ҷои худро ишғол намояд ва ҳамроҳи дигар аъзоён барои нафъи тамоми Бадан меҳнат кунад.

**2,23** Дар хизматгузории масеҳиёнаи худ Тимотиюс борҳо бо масъалаҳои ночиз ва аблаҳона дучор хоҳад шуд. Ин гуна масъалаҳо дар ақлҳои одамони ҷоҳил ва бесавод пайдо мешаванд, ва аз онҳо фоидае нахоҳад буд. Аз ин гуна мубоҳисаҳо *канорагирӣ* намудан лозим аст, чунки онҳо танҳо *ҷанҷолҳоро ба вуҷуд меоранд.* Инҳо на он масъалаҳое мебошанд, ки ба ҳақиқатҳои бузурги асосии масеҳият дахл мекунанд, балки масъалаҳои аблаҳонае мебошанд, ки барои онҳо вақти зиёде сарф карда мешавад ва онҳо танҳо боиси бесарусомонӣ ва ихтилоф мешаванд.

**2,24** Унвони *бандаи Худованд* (ё «ғуломи Худованд») дар ояте ки ба некӣ ва сабру тоқат даъват мекунад, хеле хушоянд аст.

Агарчи хизматгори Худованд бояд барои ҳақиқат мубориза барад, вай набояд ба хурдагирӣ ва дӯстдорандаи мунозираҳо табдил ёбад. Ба ҷои ин вай бояд *бо ҳама пуртоқат* бошад, бо одамон на баҳри ғолибият дар баҳс, балки барои таълим додани онҳо суҳбат ороядъ. Вай бояд бо онҳое ки на ҳама чизро дарҳол мефаҳманд, ва ҳатто бо онҳое ки, аз афташ, ҳақиқати Каломи Худоро қабул карданӣ нестанд, ботаҳаммул бошад.

**2,25** Бандаи Худованд дар муносибат бо *мухолифон* бояд *нармдилӣ* ва ҳалимӣ зоҳир намояд. Одам дар назди Каломи Худо сар хам кардан нахоста, ба ҷони худ зарар меорад. Ин гуна одамонро ислоҳ кардан лозим аст, вагарна онҳо дар боваринокии бардурӯғ зистанро давом медиҳанд, ки гӯё ақидаҳои онҳо дар ҳама чиз ба таълимоти Навиштаҳо мувофиқат мекунанд.

*Шояд Худо ато кунад, ки онҳо тавба карда, ба дониши ростӣ расанд.* Дар назари аввал чунин метобад, ки расул ба хоҳиши Худо дар хусуси ба ин гуна одамон ато кардани тавба боварӣ надорад. Аммо ин тавр нест. Ҳама гап дар он аст, ки Худо тайёр аст онҳоро бахшад, агар онҳо ба назди Ӯ бо иқроршавӣ ва тавба биёянд. Худо тавбаи ҳеҷ касро рад намекунад, фақат одамон аксаран намехоҳанд иқрор шаванд, ки хато кардаанд.

**2,26** Хизматгори Худо бояд муносибатҳои худро бо одамони хатокор чунон ба роҳ монад, то онҳо *аз доми иблис раҳоӣ ёбанд.* Иблис онҳоро *асири хости худ гардондааст,* ҷоду кардааст ва ё заҳролуд намудааст.

**Б. Муртадии оянда (3,1-13)**

**3,1** Акнун расул ба Тимотиюс шароитеро тасвир мекунад, ки дар ҷаҳон пеш аз бозомадани Худованд хоҳад буд. Борҳо зикр шуда буд, ки ин рӯйхати гуноҳҳо аз бисёр ҷиҳат бо тасвири бутпарастони осӣ дар Румиён 1 мувофиқат мекунад. Он чиз ҳайратовар аст, ки *дар рӯзҳои охирин* ҳолати онҳое ки худро масеҳӣ меноманд, ба ҳолати бутпарастон бо ваҳшигӣ ва бефарҳангии онҳо монанд хоҳад буд. Дар бораи ин бояд андеша кард.

*Рӯзҳои охирин,* ки оид ба онҳо ин ҷо гуфта мешавад, – рӯзҳое мебошанд байни давраи расулҳо ва лаҳзае ки Масеҳ барои барпо намудани Подшоҳии Худ меояд.

**3,2** Ин оятҳоро (дар забони аслӣ) омӯхта, беихтиёр аз он ҳайрон мешавӣ, ки мафҳуми «дӯстдорони чизе» дар онҳо хеле зиёд вомехӯрад. Дар ояти 2 ин, масалан, *пулпарастон* (дӯстдорони пул) *ва худпараст* (дӯстдорони худ) аст. Дар ояти 3 – *душмани некӣ* (дӯст надоштани некӣ). Дар ояти 4 мо оид ба одамоне мехонем, ки назар ба дӯст доштани Худо *дилхуширо бештар дӯст медоранд.*

Дар оятҳои 2-5 нуздаҳ нишонаи хоси инсонияти рӯзҳои охирин оварда шудаанд. Мо онҳоро номбар карда, муродифҳояшонро меорем, ки маънои онҳоро мефаҳмонанд.

*Худпараст* – худхоҳ худбин, худпарастанд.

*Пулпараст* – пулдӯстдор, ҳарисанд.

*Лофзан* – лоф мезананд, дабдабанок ва пуртумтароқ сухан ронданро дӯст медоранд.

*Ҳавобаланд* – худписанд мебошанд, рафтори омирона доранд.

*Бадзабон* – алфози қабеҳ гуфтори куфромез, таҳқиркунанда, озордиҳандаро дӯст медоранд.

*Беитоат ба падарони модарон* – беинтизом, гапнодаро, худсаранд ва вазифаи худро дарк намекунанд.

*Кӯрнамак* – сипосгузор нестанд.

*Нопок* – ҳама гуна тақводорӣ ва эҳтиромро аз даст додаанд, барои онҳо ягон чизи муқаддас нест.

*Бемеҳр* – сангдил, номеҳрубон, сахтдил, беэътино ҳастанд.

**3,3** *Номуросо* – бераҳм, оштинопазиранд, ҳама гуна пешниҳодро оид ба сулҳ бастан рад мекунанд.

*Ғайбатгар* – овозаҳои бардурӯғ ва адоватангезро паҳн мекунанд.

*Бепарҳез* – одамони рағбатҳояшон лаҷомгусехта, бадахлоқ ва фосиқ мебошанд.

*Бераҳм* – бадқаҳр, беамон, беппринсип ҳастанд.

*Душманони некӣ* – ҳама чизи некро бад мебинанд, бар зидди ҳамаи шаклҳои некӣ бармехезанд.

**3,4** *Хиёнаткор* – паймоншикан, беэътимоданд.

*Берӯй* – густох, худсар, беандеша.

*Худписанд* – худдонам, худбовар ҳастанд, иддаои зиёде оид ба худ доранд.

*Дилхуширо бештар аз Худо дӯст медоранд* – на Худоро, балки лаззатҳои ҷисмониро дӯст медоранд.

**3,5** *Ва намуди зоҳирии худотарсиро доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд.* Зоҳиран ин одамон гӯё диндоранд. Онҳо дар бораи ба масеҳият тааллуқ доштани худ мегӯянд, аммо корҳояшон суханонашонро пахш мекунанд. Ин рафтори осиёна аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар дурӯғ зиндагӣ мекунанд. Ҳеҷ чиз дар ҳаёти онҳо мавҷуд будани қувваи Худоро тасдиқ намекунад. Агарчи дар онҳо баъзе дигаргуниҳо ба амал омада метавонистанд, он ҷо ҳеҷ гоҳ растохез набуд. Веймут менависад: «Онҳо худро тақводор нишон медиҳанд, агарчи қувваи онро рад мекунанд». Моффатт суханони ӯро такрор мекунад: «Агарчи онҳо худро диндор вонамуд мекунанд, аммо бо он ҳамчун бо қувва ягон умумияте надоранд». Филлипс инро чунин тасвия намудааст: «Онҳо худро диндор вонамуд хоҳанд кард, аммо рафторашон оид ба беасос будани иддаояшон шаҳодат хоҳад дод». Онҳо диндор будан мехоҳанд ва дар айни ҳол аз ягон гуноҳи худ даст намекашанд (ниг. Ваҳй 3,14-22). Ҳиберт огоҳӣ медиҳад: «Ин сурати даҳшатовари масеҳияти дар муртадӣ ғӯтида, бутпарастии нави дар зери ниқоби масеҳият пинҳоншуда мебошад».[24]

Тимотиюс бояд аз ин гуна одамон *канорагирӣ намояд.* Инҳо зарфҳои дар боби гузашта тасвиршуда мебошанд, ки вай бояд аз онҳо пок шавад.

**3,6** Акнун Павлус аз тӯдаи осиёни рӯзҳои охирин як гурӯҳи мушаххасро ҷудо мекунад – роҳбарон ва муаллимони фирқаҳои гуногун. Ҳама чизе ки дар ин тасвири муфассали

хислат ва методҳои онҳо зикр шудааст, барои фирқаҳои ҳозиразамон низ хос аст.

Пеш аз ҳама мо мехонем, ки онҳо *пинҳонӣ,* ё бо ҳила *ба хонаҳо медароянд.* Бесабаб нест, ки ин ибора ҳаракати морро ба ёд меорад. Агар онҳо симои ҳақиқии худро ошкор мекарданд, ба бисёрии хонаҳо даромада наметавонистанд; бинобар ин онҳо бисёр найрангҳоро ба кор мебаранд, масалан, оид ба Худо, Навиштаи Муқаддас ва Исо сухан меронанд (ҳатто агар ба он чи Навишта дар ин бора мегӯяд, бовар накунанд ҳам).

Сипас расул мегӯяд, ки онҳо *занҳои сабукфикреро фирефта мекунанд.* Ин хеле хос аст. Онҳо ҳамон вақте меоянд, ки шавҳарон, аз афташ, дар кор ва ё ягон ҷои дигар ҳастанд. Таърих такрор мешавад. Дар боғи Адан шайтон ба Ҳавво муроҷиат карда, ӯро фиреб дод. Вай қудратро бар шавҳари худ ғасб намуда, дар он мавриде ки тамоман ҳуқуқи онро надошт, қарор қабул кард. Усулҳои амали иблис тамоман дигар нашудаанд. Вай то ҳол бо таълимоти дурӯғини худ ба занҳо муроҷиат карда, онҳоро ба асирони худ табдил медиҳад. Занҳо сусттаранд, онҳо назар ба мардҳо заифтар ва ноустувортар ҳастанд, аммо онҳо на дар ақл, балки дар қувваиирода норасоӣ доранд.

Дар бораи онҳо гуфта мешавад, ки *дар гуноҳҳо ғӯтидаанд, ба ҳавасҳои гуногун моил шудаанд.* Аввалан, ин далели он аст, ки онҳоро эҳсоси гуноҳҳои худ азият медиҳад, онҳо ҳис мекунанд, ки дар ҳаёташон чизе намерасад. Ана дар ҳамин лаҳзаи бӯҳронӣ дар остона аъзоёни фирқаҳо пайдо мешаванд. Хеле андӯҳовар аст, ки онҳое ки ҳақиқати Каломи Худоро медонанд, барои ёрӣ ба ин гуна ҷонҳо кӯшиши зиёде ба харҷ намедиҳанд. Сониян, мо мехонем, ки онҳо ба ҳавасҳои гуногун моил ҳастанд. Мувофиқи ақидаи Веймут, онҳо ба рафтори аҷиб ва инҷиқӣ *моил* ҳастанд. Моффатт онҳоро «мавҷудоти худсар, ноустувор, ҳардамхаёл» меномад. Моҳият, аз афташ, дар он аст, ки аз эҳсоси гуноҳи худ азият кашида ва аз ин бори вазнин халосӣ ҷуста, онҳо бо омодагӣ ҳама гуна таълимоти навбаромад ё навигарии диниро қабул мекунанд.

**3,7** *Ҳамеша таълим мегиранд* гуфта, расул дар назар надорад, ки онҳо оид ба Худованд Исо ва Каломи Худо бештар ва бештар маълумот пайдо мекунанд. Не, онҳо як фирқаро паси дигаре таҳқиқ менамоянд, *вале ҳаргиз ба дониши ростӣ расида наметавонанд.* Ин ростӣ – Худованд Исо мебошад. Баъзан ин занон гӯё ба Ӯ хеле наздик меоянд, аммо онҳоро душмани ҷонҳо дар асорат нигоҳ медорад, ва аз ҳамин сабаб онҳо ҳеҷ гоҳ осудагиеро ба даст намеоранд, ки танҳо дар Наҷотдиҳанда имконпазир аст.

Ин ҷо бояд зикр кард, ки аъзоёни фирқаҳои гуногун ҳамеша мегӯянд: «Ман фалон ва фалон чизро меомӯзам», ва номи системаи худро ба забон меоранд. Онҳо ҳеҷ гоҳ бо боварии куллӣ оид ба наҷоти анҷомёфта ба воситаи имон ба Исои Масеҳ сухан ронда наметавонанд.

Ин оят моро водор месозад оид ба тараққии фавқулода дар ҳама соҳаҳои донишҳои инсонӣ фикр кунем, оид ба он ки дар ҷаҳони имрӯза ба маълумотнокӣ чӣ аҳамияте дода мешавад, оид ба он ки ҳамаи ин ба ҳеҷ ваҷҳ одамро сӯи дониши ҳақиқат оварда наметавонад.

**3,8** Дар ин Нома Павлус се бор шахсони муайянро номбар мекунад:

Фиҷелус ва Ҳармуҷанис (1,15) чун онҳое ки аз ҳақиқат шарм медоранд;

Ҳумниюс ва Филитус (2,17.18) чун касоне ки оид ба ҳақиқат дар иштибоҳанд;

*Янис ва Ямбрис* (3,8) чун онҳое ки ба муқобили ҳақиқат бархоста буданд.

Павлус ба роҳбарон ва муаллимони фирқаҳо бармегардад. Вай онҳоро бо *Янис ва Ямбрис*, ки *ба муқобили Мусо бархеста буданд,* муқоиса мекунад. Ин одамон киҳоянд? Дар Аҳди Қадим номҳои онҳо зикр намешаванд, аммо чунин ҳисобида мешавад, ки инҳо ду ҷодугари асосии Миср мебошанд, ки фиръавн онҳоро барои такрор кардани муъҷизаҳои Мусо даъват карда буд.

Саволе пайдо мешавад: Павлус номҳои онҳоро аз куҷо медонист? Ин ҷо ҳеҷ чизи ҳайратовар нест: агар номҳои онҳоро яҳудиён дар ривоятҳо аз насл ба насл нарасонида бошанд, пас пурра имкон дорад, ки номҳо ба расул ба васила вахйи илоҳӣ дода шудаанд.

Ин ҷо он чиз муҳим аст, ки онҳо ба корҳои *Мусо* тақлид карда ва муъҷизаҳоро сохтакорӣ карда, *ба муқобили* вай *бархеста буданд.* Фирқаҳо низ айнан ҳамин тавр амал мекунанд. Онҳо кори Худоро тақлид карда, ба он муқобилат мекунанд. Онҳо Навиштаҳои Муқаддаси худ, роҳҳои худро ба сӯи наҷот доранд – хуллас, онҳо барои ҳама чизе ки дар

масеҳият ҳаст, бадале доранд. Онҳо чизҳои қалбакӣ тайёр карда ва баъзан ба ҷодугарӣ рӯ оварда, ба ҳақиқати Худо муқобилат мекунанд.

Инҳо *мардуми олудафикр мебошанд*. Артур Вэй ин суханонро чунин тарҷума мекунад: «Ақли онҳо тамоман пӯсидааст». Ақли онҳо фосид, вайрон ва ноқис аст.

Агар онҳоро нисбати *имони* масеҳӣ бисанҷем, маълум мешавад, ки онҳо ҷоҳил ва дӯстдори чизҳои қалбакӣ мебошанд. Ин махсусан ҳамон вақт равшан аён аст, ки ба онҳо саволи одӣ дода шавад: «Оё Исои Масеҳ Худост?» Бисёрии онҳо таълимоти дурӯғини худро пинҳон карданӣ шуда, иқрор мешаванд, ки Исо Писари Худост, аммо дар айни ҳол онро дар назар доранд, ки Ӯ писари Худост дар баробари дигар писарони Худо – масеҳиён. Аммо бо саволи «Оё Исои Масеҳ Худост?» вохӯрда, онҳо маҷбуранд симои ҳақиқии худро нишон диҳанд. Онҳо на танҳо Худо будани Ӯро инкор мекунанд, балки аксаран чун аз онҳо ин чизро пурсанд, ба хашм меоянд. Ин чиз ба фирқаҳои «Илми Масеҳӣ», христодельфианизм, «Шоҳидони Яҳува» ва фирқаҳои дигар хос аст.

**3,9** Павлус Тимотиюсро бовар мекунонад, ки муаллимони дурӯғин *бисёр комёб намешаванд*. Ин ҷо душворӣ дар он аст, ки дар ҳар аср ба одамон чунин метобад, ки фирқаҳо ҳамаҷиҳата комёб ҳастанд ва ҳеҷ чиз наметавонад дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани онҳоро боздорад!

Ин ҷо эҳтимол, дар назар дошта мешавад, ки охируламр ҳар як таълимоти дурӯғин фош карда мешавад. Системаҳои фиребкунӣ яке паси дигаре меоянд ва мераванд. Агарчи гоҳо чунин метобад, ки рӯз то рӯз онҳо қувват мегиранд, замоне мерасад, ки сохтакории онҳо ба ҳама аён мешавад. Онҳо одамонро ба баландиҳои муайян оварда метавонанд, ҳатто дараҷаи муайяни тағйиротҳоро пешниҳод карда метавонанд. Аммо онҳо зодашавии навро дода наметавонанд. Онҳо наметавонанд ба одам аз ҳукми гуноҳ ва аз ҷазо барои гуноҳ озодиро диҳанд. Онҳо ҳаёт дода наметавонанд.

Ба ҷодугарӣ рӯ оварда, Янис ва Ямбрис ба андозае ба Мусо тақлид карда метавонистанд. Аммо бо вуҷуди ин, ҳангоме ки аз марг ҳаётро офаридан даркор буд, онҳо нотавон буданд. Дар ин соҳа фирқаҳо ба шикасти пурра дучор мешаванд.

**3,10** Ҳаёт ва хизмати Павлус бо рафтори ин муаллимони дурӯғин тазоди ҳайратангез дорад. Тимотиюс оид ба нӯҳ хусусиятҳои хоси ин хизматгори Худованд ба хубӣ огоҳ буд. Вай фаъолияти Павлусро бо диққат мушоҳида мекард ва шаҳодат дода метавонист, ки вай ба Масеҳ ва Каломи Ӯ беандоза вафодор аст.

Расул дар *таълими* худ ба Каломи Худо содиқ ва ба Шахсияти Худованд Исои Масеҳ вафодор буд. *Рафтор* ва *тарзи зиндагияш* бо он чи вай таълим медод, ҳеҷ мухолифате надошт. *Мақсади* ҳаёти вай канорагирӣ аз ҳама гуна бадӣ дар ахлоқ ва таълимоти динӣ буд. *Имон* ин ҷо умеди Павлус ба Худо ва ё садоқати шахсии ӯро ифода карда метавонад. Тимотиюс ӯро чун шахсе медонист, ки дар ҳама чиз пурра ба Худованд такя мекард ва дар айни замон шахси дилпурӣ ва сазовори ҳама гуна боварӣ буд. *Тоқати* расул дар муносибати вай бо таъқибкунандагон ва танқидкунандагонаш ва дар азобҳои ҷисмонӣ зоҳир шуд. Дар мавриди *муҳаббат* бошад вай ба Худованд ва дигар одамон фидокорона содиқ буд. Вайро ҳар қадар камтар дӯст доранд, азми дӯст доштани вай ҳамон қадар устувортар буд. *«Тоқат»* айнан маънои «дар зери бор мондан»-ро дорад, яъне қувваи рӯҳ ва истодагарӣ лозим аст.

**3,11** Баъзе *таъқибот ва азобҳои* Павлус дар 2Қуринтиён 11,23-28 тасвир шудаанд. Аммо ин ҷо вай ҳамонашро дар назар дорад, ки ба Тимотиюс маълум буданд. Азбаски Тимотиюс аслан аз *Листра* буд, вай оид ба таъқиботе ки дар ин шаҳр ва дар шаҳрҳои ҳамсояи *Антокия ва Қуния* бар сари Павлус фурӯ рехта буданд, бояд медонист. Тасвири илҳоми илоҳӣ доштаи ин уқубатҳо дар китоби Аъмол дода шудааст: Антокия – Аъмол 13,45.50; Қуния – Аъмол 14,3-6; Листра – Аъмол 14,19.20.

Павлус шодмонӣ мекунад, чунки *Худованд* ӯро *аз ҳамаи таъқибот халосӣ дод*. Худо ӯро аз дучор шудан ба мусибатҳо нигаҳдорӣ накард, аммо ӯро аз онҳо бароварда халосӣ дод. Ин боз як бор ба мо хотиррасон мекунад, ки Худо озодӣ аз душвориҳоро ваъда намедиҳад, балки ваъда медиҳад, ки дар ҳар гуна мусибат ҳамроҳамон хоҳад буд ва ёрӣ хоҳад дод.

**3,12** *Таъқибот* – қисми ҷудонашавандаи ҳаёти масеҳии вафодор аст. Инро ба ҳар кадом Тимотиюси ҷавон ёдрас намудан фоиданок аст. Вагарна, ҳангоме ки аз обҳои чуқур

гузаштанаш лозим меояд, васвасаи роҳ додан ба фикре ки вай ба Худованд хиёнат кардааст ва ё Худованд бо ягон сабабе аз вай норозист, хеле калон хоҳад буд. Гап дар он аст, ки *ҳамаи онҳое ки мехоҳанд бо худотарсӣ дар Масеҳ Исо зиндагӣ кунанд,* ҳатман *ба таъқибот дучор мешаванд*.

Сабаби ин *таъқибот* аён аст. Ҳаёти тақводоронаи баъзеҳо исёнкории дигаронро фош мекунад. Ин гуна фошкуниҳо ба одамон маъқул нестанд. Ба ҷои он ки дар гуноҳҳои худ иқрор шуда, ба Масеҳ рӯ оваранд, онҳо касеро, ки моҳияти ҳақиқии онҳоро фош мекунад, нобуд карданӣ мешаванд. Ин гуна рафтор беақлона аст, аммо ба шахси бадкирдор хеле хос аст.

**3,13** Павлус худро бо хаёли хоме тасалло намедиҳад, ки тадриҷан ҷаҳон беҳтар мешавад, то даме ки ҳамаи одамон ба масеҳият рӯ меоранд. Ба воситаи ваҳй аз боло вай гуфт, ки тамоман баръакс хоҳад буд. *Одамони бад ва фиребгарон боз ҳам бадтар мегарданд.* Усулҳои онҳо боназокаттар ва ҳуҷумҳояшон далеронатар хоҳанд шуд. Онҳо на танҳо дигаронро фиреб хоҳанд кард, балки худашон низ ба тӯри таълимоти дурӯғини худ, ки шунавандагони худро ба он печонданӣ мешаванд, хоҳанд афтод. Баъди ин қадар солҳои бо дурӯғи худ савдо кардан онҳо худашон ба он бовар карданро сар мекунанд.

## В. Одами Худо дар рӯ ба рӯи муртадӣ аз хазинаи Худо баҳра мебарад (3,14–4,8)

**3,14** Павлус гаштаву баргашта ба Тимотиюс ёдрас мекунад, ки дар таълимоти Каломи Худо *пойдор* бошад. Дар он рӯзҳое ки таълимоти дурӯғин дар ҳар қадам хоҳанд воҳӯрд, маҳз ҳамин чиз хазинаи асосии вай хоҳад буд. Агар вай Навиштаро донад ва ба он итоат кунад, ҳеҷ гуна иштибоҳоти устокорона ӯро аз роҳи дуруст бероҳа карда наметавонанд.

Тимотиюс на танҳо ҳақиқатҳои бузурги имонро *таълим гирифта* буд, вай ба онҳо боварӣ дошт. Бешубҳа, ба вай мегуфтанд, ки ин таълимот кӯҳна шудааст, ва ӯро касе бофарҳанг ва баландмаърифат намеҳисобад. Аммо вай набояд ба хотири назарияҳо ё тахминҳои беасоси одамӣ ҳақиқатро тарк кунад.

Сипас расул ба вай маслиҳат медиҳад, то дар ёд нигоҳ дорад, ки вай *аз кӣ омӯхтааст.* Дар хусуси ба кӣ дахл доштани ҷонишини «кӣ» андаке ихтилофи назар ҳаст: ба худи Павлус, ба модар ва модаркалони Тимотиюс ё умуман ба расулҳо. Дар ҳама ҳолат фикри асосӣ ин ҷо чунин аст: Навиштаи Муқаддасро ба вай касоне таълим додаанд, ки бо зиндагии худ воқеияти имонашонро тасдиқ менамуданд. Инҳо масеҳиёни тақводоранд, ки дар ҳаёташон танҳо як мақсад буд – ҷалоли Худо.

**3,15** Ин оят ба фикр водор месозад. Маънои он чунин аст, ки Тимотиюс аз кӯдакӣ навиштаҳо ё номаҳои муқаддасро медонист. Ҳатто он чиз дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми ба вай ёд додани алифбо модар қисмҳои *Навиштаҳои* Аҳди Қадимро истифода мебурд. Тимотиюс аз хурдсолӣ зери таъсири Навиштаҳои дорои илҳоми илоҳӣ буд, ки ин ҳаёти ӯро барои Худо ва барои некӣ ташаккул дод.

Оиди Навиштаи Муқаддас гуфта мешавад, ки онҳо метавонанд одамонро *барои наҷот ёфтан ҳикмат омӯзанд.* Ин пеш аз ҳама маънои онро дорад, ки одамон оид ба роҳи *наҷот* аз Навиштаи Муқаддас мефаҳманд. Он низ дар назар буда метавонад, ки боварӣ ба наҷоти худ аз Навиштаи Муқаддас меояд.

Наҷот *ба воситаи имоне ки дар Исои Масеҳ аст, дода* мешавад. Мо бояд ба ин диққати махсус диҳем. Наҷот на бо корҳои нек ба даст меояд, на бо ғӯта, на бо узвият дар ҷамоат, на бо конфирматсия (маросими қабули ҷавонон ба ҷамоат), на бо риояи Даҳ Фармуда, на бо риояи қоидаи тиллоӣ ва ё боз ягон роҳ ё усуле ки дар он ба кӯшишҳо ё фазилатҳои инсонӣ нақше ҷудо карда мешавад. *Наҷот ба воситаи имон* овардан ба Писари Худо дода мешавад.

**3,16** *«Тамоми Китоб»* гуфта, Павлус, бешубҳа, тамоми Аҳди Қадим ва қисмҳои Аҳди Навро дар назар дорад, ки он вақт вуҷуд доштанд. Дар 1Тимотиюс 5,18 вай Луқо 10,7-ро ҳамчун Китоб иқтибос меорад. Петрус оид ба номаҳои Павлус ҳамчун оид ба Китоб мегӯяд (2Пет. 3,16). Имрӯз мо ҳақ дорем чунин ҳисобем, ки ин оят ба тамоми Навиштаи Муқаддас taaллуқ дорад.

Дар мавзуи илҳоми илоҳӣ доштан ин яке аз оятҳои муҳимтарини Навиштаи Муқаддас аст. Он таълим медиҳад, ки Навиштаҳо «бо рӯҳи Худо ба одам дамида»[25] шудаанд. Худо ба таври муъҷизавӣ Каломи Худро ба одамон расонд ва ҳангоме ки онҳо онро барои ҷовидона маҳфуз доштан менавиштанд, онҳоро

роҳбарӣ мекард. Он чи онҳо менавиштанд, бевосита Каломи Худо буд, ки аз олами боло дода шудааст ва бехатост. Агарчи услуби адабии ҳар як муаллиф аз байн нарафтааст, калимаҳоеро, ки вай истифода мебурд, Рӯҳулқудс ба вай медод. Бинобар ин мо дар 1Қуринтиён 2,13 мехонем: «ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва чизи рӯҳониро ба таври рӯҳонӣ баён мекунем». Агар ин оят умуман ягон чизеро баён кунад, пас маҳз ҳамонро, ки муаллифон аз рӯи илҳоми илоҳӣ КАЛИМАҲОЕРО ба кор мебурданд, ки Рӯҳулқудс ба онҳо меомӯхт. Илҳоми илоҳии *таҳтуллафзӣ* маҳз ҳамин маъноро дорад.

Муаллифони Навиштаи Муқаддас кӯшиш намекарданд ба чизе маънидоди шахсӣ диҳанд, балки он чиро, ки Худо ба онҳо медод, менавиштанд. «Ва пеш аз ҳама чиз инро донед, ки ҳеҷ як пайғамбарии Китоб тафсири худи пайғамбар нест; зеро ҳаргиз пайғамбарӣ бо хости одамизод оварда нашудааст, балки муқаддасони Худо бо ангезиши Рӯҳулқудс сухан гуфтаанд» (2Пет. 1,20.21).

Чунин гуфтан нодуруст аст, ки Худо ба муаллифони муайян танҳо фикрҳоро дод, ва сипас ба онҳо имкон дод, ки ин фикрҳоро бо суханони худ баён кунанд. Ҳақиқате ки Навишта онро таъкид мекунад, дар он аст, ки худи калимаҳое ки *Худо* ба одамон дод, низ аз рӯи илҳоми илоҳӣ буданд.

Азбаски Навиштаи Муқаддас Каломи Худост, он *фоиданок аст.* Ҳар як қисми он *фоиданок аст.* Агарчи одамон дар мавриди баъзе насабномаҳо ва ё баъзе ҷойҳои на он қадар фаҳмо ҳайрон шуда метавонанд, ақли аз Рӯҳ таълимгирифта мефаҳмад, ки ғизои рӯҳонӣ дар ҳар як калимаи аз даҳони Худо баромада ҳаст.

Навиштаи Муқаддас *барои омӯзиш фоиданок аст.* Он ақидаи Худоро дар мавзуъҳои Ваҳдати Сегона, фариштаҳо, одам, гуноҳ наҷот, тақдис, Ҷамоат ва оянда баён мекунад.

Ғайр аз ин он *барои сарзаниш фоиданок аст.* Ҳангоме мо Навиштаро мехонем, он аниқ оид ба он чизҳое дар зиндагии мо гап мезанад, ки ба Худо писанд нестанд. Навишта ҳамчунин барои рад кардани таълимоти нодуруст ё васваса фоиданок аст.

Он ҳамчунин *барои ислоҳ фоиданок аст.* Он на танҳо ҳама чизи нодурустро нишон медиҳад, балки тарзи ислоҳ намудани онро низ мефаҳмонад. Масалан, Навишта на танҳо мегӯяд, ки «касе ки дуздӣ кардааст, дигар дуздӣ накунад», балки илова низ мекунад: «... балки меҳнат карда, бо дастони худ кори фоиданоке ба ҷо оварад, то ки ба эҳтиёҷманде бахшад» (Эфс. 4,28). Қисми аввали ин оятро ҳамчун *сарзаниш,* ва қисми дуюмашро ҳамчун *ислоҳ* ҳисобидан мумкин аст.

Ва охируламр, Навиштаи Муқаддас *барои тарбият дар роҳи росткорӣ фоиданок аст.* Файзи Худо муфассал тасвир мекунад, ки чӣ чиз ин ҳаёти тақводоронаро ташкил медиҳад.

**3,17** Ба воситаи Каломи Худо одам *комил,* ё болиғ мешавад. Вай *ба ҳар амали нек,* ки мақсади наҷоти ӯро ташкил медиҳад, *муҳайё* мешавад (Эфс. 2,8-10). Ин тазоди рӯйростест ба ақидаи имрӯзҳо ҳукмрон, гӯё ки танҳо ба воситаи ба даст овардани унвонҳои илмӣ тайёр шудан мумкин аст.

Ленскӣ менависад:

*Навишта ба худ ҳамто надорад; ҳеҷ китоб, китобхона ва ё чизи дигар наметавонад гуноҳкори ҳалокшударо барои наҷот таълим диҳад. Ҳар гуна навиштаи дигар, бо вуҷуди дар тамоми соҳаҳои дигар даркор буданаш, аз боиси илҳоми илоҳӣ надоштанаш бефоида хоҳад буд, ҳангоме сухан дар бораи инҳо меравад: ба мо таълим додани ҳақиқатҳои бахшандаи наҷот; рад кардани дурӯғ ва иштибоҳоте ки ин ҳақиқатҳоро инкор мекунанд; ба гунаҳкори афтода ва ё масеҳии хатокарда ёрӣ додан; таълим додан, ҳидоят намудан, сарзаниш кардан ва ислоҳ намудани одам дар росткории ҳақиқӣ.*[26]

**4,1** Ин ҷо насиҳати охирини Павлус ба Тимотиюс сар мешавад. Вай *дар ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд* ба ӯ муроҷиат мекунад. Ҳама гуна хизматгузориро бо дарки он сар кардан лозим аст, ки чашми ҳамабини Худо ӯро назорат мекунад.

Дар ин оят оид ба Худованд Исо чун оид ба Оне гуфта мешавад, *ки зиндагон ва мурдагонро дар зуҳури Ӯ ва Подшоҳии Ӯ доварӣ мекунад.* Пешоянди «дар» метавонад ба фикре оварад, ки растохези умумӣ ва доварии умумӣ ҳангоме воқеъ мешавад, ки Наҷотдиҳанда ба замин барои барпо намудани Подшоҳии Худ бармегардад. Аммо дар нусхаи асли юнонӣ калимаи «ката»[27] истодааст, ки маъноаш «мувофиқи» мебошад.

Худованд Исо ҳақиқатан Ҳамонест, ки *зиндагон ва мурдагонро доварӣ мекунад,* аммо лаҳзаи муайян зикр нашудааст. Павлус мегӯяд, ки зоҳиршавии Масеҳ ва Подшоҳии Ӯ омили хизматгузории содиқона мебошанд.

Аз ҷойҳои дигари Навиштаҳо мо медонем, ки вақти доварии Ӯ бар зиндагон ва мурдагон тамоман на ҳангоми бозомадани дуюми Масеҳ фаро хоҳад расид. Мувофиқи Ваҳй 20,5, исёнкорони мурда то анҷоми Подшоҳии Ҳазорсола доварӣ карда намешаванд.

Хизмати имондор дар назди Курсии Доварии Масеҳ мукофотонида мешавад, аммо ин мукофот ҳангоми зоҳиршавии *Масеҳ* ва *Подшоҳии Ӯ* аён хоҳад шуд. Таассуроте ҳосил мешавад, ки мукофотҳо ба ҳукмронӣ дар Подшоҳии Ҳазорсола муносибат доранд. Масалан, онҳое ки вафодор буданд, бар даҳ шаҳр ҳоким хоҳанд буд (Луқ. 19,17).

**4,2** Бо назардошти он ки дар замони ҳозира Худо хизматгорони Худро мушоҳида мекунад, ва дар оянда ба онҳо мукофот медиҳад, Тимотиюс бояд *каломро* эълон кунад. Вай бояд инро бо дарки мавқуфнопазирии супориши худ, ҳамаи имкониятҳои ба даст омадаро ба кор бурда, ба ҷо оварад. Хабари вай ҳамеша бамаврид аст, агарчи дигарон чунин ҳисобида метавонанд, ки он ноҷоя, *дар вақти номуносиб* гуфта шудааст. Ҳамчун хизматгори Масеҳ, Тимотиюсро лозим меояд, ки *сарзаниш* кунад, яъне исбот ё рад намояд. Вай бояд он чиро, ки нодуруст аст, *танбеҳ* диҳад. Вай бояд гуноҳкоронро баҳри имон овардан, масеҳиёнро бошад барои зиндагӣ баҳри Худованд *насиҳат кунад,* ё даъват намояд. Ҳамаи инро вай бояд *бо тамоми пурсабрӣ* ва *омӯзгорӣ* дар таълимоти солим кунад.

**4,3** Дар оятҳои 3-6 расул ду сабаби муҳимро барои амри додааш меорад. Якумаш – муртадии умумӣ – аз *таълимоти солим* даст кашидан фаро мерасад. Дуюмаш – ба қарибӣ худи Павлус меравад.

Расул фаро расидани вақтеро пешбинӣ мекунад, ки одамон аз таълимоте ки саломатии рӯҳонӣ меоваранд, нафрат хоҳанд кард. Онҳо дидаву дониста аз онҳое ки ҳақиқатҳои Каломи Худоро таълим медиҳанд, рӯ хоҳанд гардонд. Гӯшҳои онҳо хоҳони шунидани таълимотҳои форам ва бароҳат мешавад. Барои шикастани ташнагӣ ба таълимотҳои нави лаззатбахш онҳо гурӯҳи *муаллимонро* ҷамъ меоваранд, ки чизи шунидан мехостаашонро хоҳанд гуфт.

**4,4** Хоҳиши шунидани таълимоте ки ба ҳеҷ кас сахт намерасад, одамонро водор хоҳад кард, ки *гӯшҳои худро аз ростӣ гардонда, ба қиссаҳо рӯ оваранд.* Ин мубодилаи номувофиқ аст – ҳақиқатро ба хотири *қиссаҳо* қурбон кардан, аммо қисмати онҳое ки таълимоти солимро рад мекунанд, маҳз ҳамин аст.

**4,5** *Дар ҳама чиз ҳушёр* будан – яъне дар ҳама чиз бомулоҳиза будан аст. Тимотиюс дар кори худ бояд ҷиддӣ, муътадил, ботамкин бошад. Ҳангоми хизмат ба Масеҳ бо ҳар гуна мусибатҳо рӯ ба рӯ шавад ҳам, вай бояд аз *азобҳо* канораҷӯӣ накарда, бо майлу рағбат азоб кашад.

Ақидаҳо оид ба ҷумлаи *«кори башоратдиҳандаро ба ҷо овар»* андаке ихтилоф доранд. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки Тимотиюс аллакай муждабар буд ва Павлус ба вай насиҳат медиҳад, ки ин хизматро давом диҳад. Аммо мувофиқи ақидаи дигарон, Тимотиюс бахшоиши муждабарӣ надошт, вай, аз афташ, шубон ё муаллим буд, аммо ин барои мавъиза карданиХушхабар дар ҳар мавриди мувофиқ набояд халал расонад. Эҳтимоли пурра дорад, ки Тимотиюс аллакай муждабар буд, ва суханони Павлус танҳо даъват ба он аст, ки вазифаашро бо майли том ба ҷо оварад.

Вай бояд ҳамаи он чиро, ки ба *хизматаш* дохил мешавад, *иҷро намуда,* беҳтарин лаёқатҳои худро ба он бибахшад.

**4,6** Сабаби дуюми даъвати пурҳарорати Павлус – наздик будани марги худаш аст. Вай *акнун қурбонии рехтанӣ* мешавад. Павлус хуни худро, ки дар марги риёзаткашона хоҳад рехт, ба қурбонии рехтанӣ монанд мекунад (ниг. Хур. 29,40; Ад. 15,1-10). Пеш аз ин Павлус марги худро дар Филиппиён 2,17 ба қурбонии рехтанӣ монанд мекард. Ҳиберт мегӯяд: «Тамоми ҳаёти ӯ ҳамчун қурбонии зинда ба Худо бахшида шуда буд; акнун бошад, монанди он ки рехтани май маросими қурбонӣ оварданро анҷом медод, марги ӯ қурбонии ӯро комил мегардонд».[28]

*Замони риҳлатам фаро расидааст.* Калимаи юнонии «анализис» (айнан «кушодан», «ҳал кардан», муқоиса кунед: анализ), ки Павлус барои тасвири *риҳлати* худ истифода бурдааст, қувваи зиёди таъсирбахш дорад, ки камаш чор тимсоли суханваронаро ҷилвагар

мекунад: 1) онро баҳрнавардон барои ифода кардани *бардошта шудани* лангари киштӣ ба кор мебурданд; 2) онро деҳқон ба маънои аз юғ *озод кардани* ҳайвонҳои аз рӯзи дарози кор хасташуда истифода мебурданд; 3) онро мусофирон барои ифода намудани пеш аз сафар *ҷамъ кардани* хайма ба кор мебурданд; 4) онро файласуфон барои ифода намудани *«ҳалл»-и масъала* ба кор мебурданд.

Ин ҷо мо боз ғановати тимсолҳоеро мебинем, ки расули бузург ба кор бурдааст.

**4,7** Дар назари аввал чунин метобад, ки дар ин оят Павлус худситоӣ мекунад. Аммо ин тавр нест. Ин ҷо мақсад на он аст, ки вай дар кадом як ҳарбу зарб хуб ҷангидааст, балки он аст, ки вай дар ҳарбу зарби *неке* – дар ҳарбу зарби имон меҷангид ва то ҳол меҷангад. Тамоми қувваи вай ба он сарф шуд, ки *дар кашмакаши неке талош* кунад. Дар айни ҳол *талош* на танҳо ба муҳориба, балки ба мусобиқаи варзишӣ низ дахл дорад.

Ҳангоме ки Павлус инро менавишт, вай дарк мекард, ки мусобиқаи хастакунанда ба қарибӣ анҷом меёбад. Вай хаста нашуда, ба сӯи мақсад саъй менамуд ва акнун марраро дида метавонист.

Боз ҳам, Павлус *имонро нигоҳ медошт.* Ин маънои онро дорад, ки Павлус на танҳо боварӣ ва итоатро ба таълимотҳои бузурги *имони* масеҳӣ давом медод, балки чун маъмури содиқ таълимоти ба вай супурдашударо ҳифз менамуд ва онро ба дигарон дар покии аввалӣ супурд.

**4,8** Ин ҷо расул боварияшро ба он изҳор мекунад, ки дар назди Курсии Доварии Масеҳ Худованди одил барои *ростқорие* ки вай дар хизмати Ӯ зоҳир намудааст, подош хоҳад дод.

Худованд ин ҷо чун *Довари одил* зикр карда мешавад, аммо на довари маҳкамаи ҷиноятӣ, балки довари мусобиқаҳои варзишӣ дар назар дошта шудааст. Бар хилофи доварони заминӣ, Ӯ дорои маълумотҳои фоиданок ва рост хоҳад буд, рӯйбинӣ нахоҳад кард, ва ҳам ба сабабҳои водоркунанда ва ҳам ба рафторҳо баҳо хоҳад дод, қарорҳои баровардааш бошанд одилона ва холисона хоҳанд буд.

*Тоҷи ростқорӣ* – гулчанбаре (на дайҳим ё тоҷ) буда, ба масеҳиёне дода мешавад, ки дар хизмати худ ростқорӣ зоҳир намудаанд. Он ҳақиқатан ба ҳамаи онҳое ки *зоҳир шудани* Масеҳро *дӯст доштаанд,* дода хоҳад шуд. Агар одам омадани Масеҳро ҳақиқатан аз самими дил хоҳон бошад, пас ҳаёташ низ дар партави ин ҳодиса хоҳад гузашт ва мукофот низ муносиби он хоҳад буд. Ин боз як бор ба мо ёдрас мекунад, ки омадани дуюми Масеҳ, дар ҳолати ҳақиқатан ба он имон оварда дӯст доштани он, ба ҳаёти касе таъсири тақдискунанда дорад.

## IV. ХОҲИШҲОИ ШАХСӢ ВА МУЛОҲИЗАҲО (4,9-22)

**4,9** Павлуси пиршуда бо шавқи зиёд мехоҳад, ки дар бари вай бародари ҷавонтараш дар Худованд бошад. Бинобар ин аз Тимотиюс хоҳиш мекунад, ки кӯшиш кунад, то зудтар ба назди вай ба Рум биёяд. Расул танҳоии маҳбусии худро дар Рум тезутунд ҳис мекард.

**4,10** Яке аз лаҳзаҳои талхтарин дар хизмати шахси масеҳӣ – он вақтест, ки шахсоне ки як замоне ҳамроҳаш меҳнат мекарданд, ӯро тарк мекунанд. Замоне Димос дӯст, ҳамимон ва ҳамкори Павлус буд. Аммо акнун Павлус дар зиндон буд, масеҳиёнро таъқиб мекарданд, вазъияти умумӣ низ барои онҳо номусоид буд. *Димос* ба ҷои дӯст доштани зоҳиршавии Худованд *давраи ҳозираро дӯст дошт,* ва аз ҳамин сабаб Павлусро тарк кард ва *ба Тасолуникӣ* рафт. Ин тамоман маънои онро надорад, ки Димос аз масеҳият даст кашид ва муртад шуд. Ин ҳамчунин маънои онро надорад, ки вай масеҳии ҳақиқӣ набуд. Пурра имкон дорад, ки хавфи бехатарии шахсӣ ӯро водор намуд, ки аз роҳи дуруст берун шавад.

Сипас расул илова мекунад, ки *Крискис ба Ғалотия рафт, Титус – ба Далмотия.* Дар ин суханон ишорае ба таъна нест; онҳо, аз афташ, ба он ҷо барои хизмати масеҳӣ рафтанд. Ин ягона зикри *Крискис* (ки номаш маънои «рушдкунанда»-ро дорад) дар Навиштаи Муқаддас аст. Дигар чизе оид ба вай ба мо маълум нест. Ин бояд барои ҳамаи масеҳиён ҳамчун рӯҳбаландкунӣ хизмат кунад. Вазъи онҳо дар ин зиндагӣ ҳар қадар ноаён бошад ҳам, ҳатто қосидони номабари Худованд будани онҳо ноаён ва бемукофот намемонад.

**4,11** Табиби дӯстдошта *Луқо* ягона касе буд, ки дар Рум бо Павлус муносибатро давом медод. Тасаввур кардан душвор нест, ки барои расул дилбардории рӯҳонӣ ва ёрии касбӣ

гирифтан аз ин марди бузурги Худо чӣ аҳамияте дошт!

Мо бояд барои ояти 11 хеле миннатдор бошем! Дар он ҳамаи онҳое ки дар хизмати Худованд ғалатҳои сахт мекарданд, тасалло меёбанд: Ӯ боз як бор ба мо имкон медиҳад барояш ба муҳориба равем. *Марқус* Павлус ва Барнабборо дар сафари аввалини миссионерӣ ҳамроҳӣ мекард, аммо онҳоро дар Памфилия тарк кард ва ба хона баргашт. Ҳангоме замони ба сафари миссионерии дуюм рафтан фаро расид, Павлус нахост Марқусро бо худ гирад, чун дар хотир дошт, ки ин ҷавон аз роҳ ақиб гашта буд. Чун Барнаббо исрор мекард, ки Марқус ҳамроҳи онҳо бошад, масъала чунин ҳал шуд: Павлус ҳамроҳи Сило ба Сурия ва Қилиқия роҳ пеш гирифт, Барнаббо ва Марқус ба Қиприс равона шуданд. Дертар Павлус бо Марқус оштӣ шуд, ва акнун расул махсусан хоҳиш мекунад, ки *Марқусро* ба наздаш биёранд, *зеро ки барои хизматаш фоиданок аст.*

**4,12** Онҳое ки чунин меҳисобанд, ки Тимотиюс ҳангоми навиштани ин Нома дар Эфесус буд, тахмин мекунанд, ки расул *Тихиқусро ба Эфесус фиристод,* то дар набудани Тимотиюс вазифаҳои ӯро ба ҷо оварад. Мувофиқи ақидаи онҳо, Павлус ин ҷо дар назар дорад, ки ба *Тихиқус* супориш медиҳад, ки ба *Эфесус* равад.

**4,13** *Ридо,* ки ин ҷо зикр мешавад, либоси болопӯшӣ ва ё хӯрҷин барои китоб буда метавонист. Чунин ҳисобида мешавад, ки аввалӣ аст.

Дар байни илоҳиётшиносон оид ба фарқи *китобҳо* ва *навиштаҳои пӯстӣ* ҳамфикрӣ нест.[29] Оё инҳо қисмҳои Навишта буданд? Ё инҳо баъзе аз номаҳои Павлус буданд? Ё инҳо коғазҳое буданд, ки вай ҳангоми мурофиа ба кор бурданӣ буд? Ё порчаҳои тозаи папирус ё пергамент, ки вай барои навиштан истифода бурданӣ буд? Ҷавоби аниқ додан душвор аст. Аммо пурра имкон дорад, ки расул ҳатто дар зиндон мехост машғулиятҳои худро давом диҳад, хонад ва нависад.

Бо ин ояти гӯё на он қадар муҳим як воқеае алоқаманд аст. Ф. В. Нюман аз Ҳ Н. Дарбӣ пурсид, ки агар дар Навиштаи Муқаддас ин оят намебуд, вай аз чӣ маҳрум мешуд. Оё ин оят аҳамияти гузаранда надошт? Агар Павлус онро ҳеҷ гоҳ наменавишт, оё инсоният чизеро аз даст медод? Дарбӣ фикр накарда ҷавоб дод: «Худи ман бисёр чизро аз даст медодам; чунки маҳз ҳамин оят маро аз фурӯхтани китобҳоям боздошт. Шумо метавонед бовар кунед, ки ҳар як калимаи он аз Рӯҳ ва барои хизмати абадист».[30]

**4,14** *Искандари мисгар* пурра метавонист ҳамоне бошад, ки мувофиқи суханони Павлус дар 1Тимотиюс 1,20, дар имон киштишикаста шудааст. Дар ҳама ҳолат *вай ба* расул *бисёр бадӣ кард.* Кадом бадӣ будани инро танҳо тахмин кардан мумкин аст. Агар ин оятро бо ояти оянда пайваст кунем, таассуроте ҳосил мешавад, ки *Искандар* бар зидди расул шаҳодат дода, ӯро бардурӯғ айбдор карда буд. Конибир ва Ноусон оятро чунин маънидод намуданд: «Искандари мисгар маро дар бадии зиёд айбдор мекард». Расул боварӣ дорад, ки *Худованд сазои корҳояшро медиҳад.*

**4,15** Ин оят дар интизории омадани Тимотиюс ба Рум навишта шудааст. Вай низ мебоист аз Искандари мисгар *эҳтиёт мешуд,* то ки аз дасти ин одами бад зарар набинад. Комилан имкон дорад, ки Искандар ҳангоми дар назди омма баён кардани парванда бар зидди шаҳодати Павлус баромад карда, *ба суханони* вай *сахт муқобилат* мекард.

**4,16** Шояд, Павлус ҳанӯз оид ба воқеаҳои рӯзҳои охир фикр мекунад. *Ҳимояи аввалини* вай имконияти аввалинест, ки ба вай барои ҳимоя дар ин мурофиаи охиринаш дода шудааст.[31] Ҳақиқатан хеле ғамангез аст, ки *ҳеҷ кас* ҷуръат накард, ки ба ҳимояи расули далер, ки асарҳояш асрҳои ояндаро ғанӣ гардондаанд, сухане гӯяд. Ҳеҷ кас ҳимояи ӯро ба зимма нагирифт, аммо дар дили Павлус кинае набуд. Чунон ки замоне Наҷотдиҳанда дуо карда буд, Павлус дуо мекунад, ки *ин барояшон гуноҳ ҳисоб нашавад.*

**4,17** Одамон ӯро тарк карда метавонистанд, аммо *Худованд ёри* вай буд. Ва на танҳо ин: Ӯ Павлусро устувор гардонд, то ки вай дар мурофиаи худ Хушхабарро мавъиза кунад. Хушхабар бехалал садо дод, ва маҳкамаи бутпарастона хабари наҷотро шунид. Сток ҳайрон мешавад:

*Ҳамаи халқҳо – аз афташ, ин ибора миқдори ниҳоят зиёди румиёни баландмартабаро дар бар мегирифт! – дар он рӯз хабари Худоро ба инсоният шуниданд; ҳама шуниданд, ки оид ба Исои ба салиб кашидашуда ва ҷалолёфта*

*чун оид ба Наҷоткори ягона гуфта мешуд. Ҳангоми ин фикр кас аз ҳаяҷон нафасгир мешавад; тахайюлот ин гуна саҳнаи боазаматро тасаввур карда наметавонад; аз афташ, ин яке аз лаҳзаҳои бузургтарини таърих буд, ва кӣ медонад, ки абадият кадом натиҷаҳои онро ба мо зоҳир мекунад?*[32]

Феъли *«қувват дод»* дар ин оят ба қатори феълҳои васеъ паҳншуда дохил намешавад; дар Аҳди Нав он танҳо ҳашт бор вомехӯрад. Он дар Аъмол 9,22 ҳангоми тасвири ибтидои хизматгузории Павлус истифода шудааст: вай «торафт бештар қувват мегирифт». Ин ҷо он барои тасвири анҷоми хизмати расул дар назди омма истифода шудааст – ёдраскунии ҳаяҷонбахш оид ба қувваи Худованд, ки хизматгори Худро дар давоми тамоми ҳаёт қавӣ мегардонд.

Ҷумлаи *«ман аз даҳони шер раҳо шудам»* – маҷоз аст ва чунин маъно дорад, ки Павлус барои нафас рост кардан муҳлате пайдо кард. Мурофиа давом дошт. Барои якчанд муддат хатар бартараф шуда буд. Баъзеҳо кӯшиш мекарданд, ки *«шер»-ро* бо Нерон, шайтон ё ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳамонанд кунанд. Аммо, шояд, ин калимаро чун умуман ифодакунандаи хатар фаҳмидан осонтар мебуд.

**4,18** *«Худованд маро аз ҳар кори бад халосӣ медиҳад»* гуфта, расул дар назар надошт, ки вай ба ягон тариқе аз қатл халос карда хоҳад шуд. Павлус медонист, ки вақти марги вай наздик мешуд (о. 6). Пас вай чиро дар назар дошт? Вай шубҳае надошт, ки Худованд вайро аз кардани ягон коре ки рӯзҳои хотимавии шаҳодати ӯро доғдор карда метавонист, халос хоҳад кард. Худованд роҳ намедиҳад, ки вай аз ақидаи худ даст кашад, номи Ӯро инкор кунад, буздилӣ нишон диҳад ё ягон шакли ахлоқан паст афтоданро содир кунад.

Ва на танҳо ин; Павлус боварӣ дошт, ки *Худованд* ӯро *барои Подшоҳии Осмонии Худ нигоҳ медорад. Подшоҳии Осмонӣ* – Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ дар рӯи замин нест, балки худи осмон аст, ки он ҷо ҳукмронии Худованд бечуну чаро эътироф мешавад.

Ин ҷо расул оид ба *ҷалоли абадии* Худо ба ваҷд меояд. *То абад* (таҳтуллафзан «то асрҳои аср») – дар забони юнонӣ аз ҳама ифодаҳои маънои беохирӣ қавитарин аст. Аз ҷиҳати техникӣ дар абадият «асрҳо» вуҷуд надоранд, аммо азбаски ақли инсон барои дарки «безамонӣ» тавон надорад, вай маҷбур аст мафҳумҳои вақтро ба кор барад.

**4,19** Акнун Павлус ба ҷуфти оилавие ки бисёр вақт ҳамроҳи вай хизматгузорӣ мекард, дуруд мефиристад. *Приска ва Акило* бори аввал бо Павлус дар Қуринтус вохӯрда буданд, сипас ҳамроҳи вай ба Эфесус рафтанд. Онҳо муддате дар Рум мезистанд (Рум. 16,3) ва ба монанди Павлус машғули хаймадӯзӣ буданд.

Оиди *Анисифурус* аллакай дар ояти 1,16 зикр шуда буд, ки вай ба расул ёрӣ медод ва аз маҳбусии вай хиҷил намешуд.

**4,20** Эҳтимол, ин ҳамон *Арастус* аст, ки дар шаҳри *Қуринт* хазиначӣ буд (Рум. 16,23).

*Трофимус* аллакай дар китоби Аъмол 20,4 ва 21,29 зикр шуда буд. Дар Эфесус имон оварда, то Уршалим ба Павлус ҳамроҳӣ карда буд. Яҳудиёни он ҷой гумон карданд, ки Павлус ӯро ҳамроҳаш ба парастишгоҳ бурд. Ин ҷо мо мехонем, ки Павлус ӯро *дар Милитус бемор вогузошт.* Иқроршавии вай хеле муҳим аст, чунки он нишон медиҳад, ки агарчи расул қувваи муъҷизаноки шифодиҳӣ дошт, онро на ҳамеша ба кор мебурд. Муъҷизаи шифодиҳӣ ҳеҷ гоҳ барои манфиати шахсии кас ба амал оварда намешуд, балки танҳо барои ба яҳудиёни беимон шаҳодат додан оид ба ҳақиқӣ будани Хушхабар.

**4,21** Тимотиюс мебоист *саъю кӯшиш* менамуд, ки то фаро расидани зимистон биёяд, ки он вақт сафар кардан хеле душвор ва ё ҳатто ғайриимкон хоҳад буд. Дӯсти ба зиндон партофташуда муҳтоҷи дар наздаш будани вай ва интизори вай буд. Ин хоҳиши якчанд бор такроршаванда оид ба омадани Тимотиюс хеле ҳаяҷонбахш аст (ниг. 1,3.4; 4,9).

Сипас дурудҳо ба Тимотиюс аз *Авбулус, Пудис, Линус, Клавдия ва ҳамаи бародарон* расонида мешаванд. Ин номҳо беаҳамият метобанд, аммо, мувофиқи гуфтаҳои Роҷерс, «ин хотиррасонкунии ҳаяҷонбахшест оид ба он ки яке аз хурсандиҳо ва имтиёзҳои махсуси хизмати масеҳиёна дар ташаккул ва ғанӣ гардидани робитаҳои дӯстона мебошад».

**4,22** Павлус Номаи охирини худро ба анҷом мерасонад. Ба таври мушаххас ба Тимотиюс муроҷиат карда, вай мегӯяд: *«Худованд Исои Масеҳ*[33] *бо рӯҳи ту бод».* Сипас расул ба онҳое ки ҳангоми гирифтани ин нома ҳамроҳи Тимотиюс хоҳанд буд, муроҷиат карда, илова мекунад: *«Файз бо шумо бод. Омин».*

Инак вай қаламро мегузорад. Нома ба анҷом расидааст. Хизмати вай тамом шудааст. Аммо мо то ҳол бӯи хуши ҳаёт ва шаҳодати ӯро нафас мекашем ваягон вақт бо вай вохӯрда, оид ба ҳақиқатҳои бузурги Хушхабар ва Ҷамоат суҳбат мекунем.

# Тавзеҳот

1. (1,1) W. E. Vine, *Exposition of the Epistles to Timothy,* саҳ. 60-61.
2. (1,2) D. Edmond Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 26.
3. (1,3) Калимаи юнонии «латреуо» бо калимаи «латреиа» хеш аст – «ибодат», «хизматгузорӣ».
4. (1,4) Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 31.
5. (1,5) Дар Юнон «риёкор» актёре буд, ки аз паси ниқоб ҷавоб медод.
6. (1,6) Vine, *Exposition,* матн ба ин оятҳо.
7. (1,11) Дар матни интиқодӣ (НА) калимаи «халқҳо» нест.
8. (1,16) J. H. Jowett, *Things that Matter Most,* саҳ. 161.
9. (2,3) Дар матни интиқодӣ: *«бо ҳам бин»*.
10. (2,4) William Kelly, *An Exposition of the Two Epistles to Timothy,* саҳ. 213.
11. (2,7) Зикри тарҷумон: Тарҷумаи тоҷикӣ ба матни интиқодӣ пайравӣ мекунад: «Худованд ... ба ту ... хоҳад дод» (феъл дар замони ояндаи хабарӣ аст, на ин ки дуо).
12. (2,8) Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 59.
13. (2,9) Иқтибос аз: D. Edmond Hiebert in *Second Timothy,* саҳ. 60.
14. (2,11) Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 62.
15. (2,13) Dinsdale T. Young, *Unfamiliar Texts,* саҳ. 253.
16. (2,13) J. J. Van Oosterzee, *The Pastoral Letters, Lange's Commentary on the Holy Scriptures,* ҷ. 11, саҳ. 95.
17. (2,14) Dinsdale T. Young, *The Enthusiasm of God,* саҳ. 154.
18. (2,15) Henry Alford, *The Greek Testament,* ҷ. 3, саҳ. 384.
19. (2,18) Hamilton Smith, *The Second Epistle to Timothy,* саҳ. 26.
20. (2,19) Hamilton Smith, *The Second Epistle to Timothy,* саҳ. 27.
21. (2,19) R. C. H. Lenski, *The Interpretation of St. Paul's Epistles to the Colossians, to the Thessalonians, to Timothy, to Titus and to Philemon,* саҳ. 804.
22. (2,19) Дар баъзе дастнависҳо ба ҷои «Худованд» «Масеҳ» аст.
23. (2,22) Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 76.
24. (3,5) Hiebert, ҳамон ҷо, саҳ. 86.
25. (3,16) Калимаи юнонӣ дар ин ҷо «теопнеустос» аст.
26. (3,17) Lenski, *Epistles,* саҳ. 841.
27. (4,1) Дар матни интиқодӣ «каи» («ва») ба ҷои «ката».
28. (4,6) Hiebert, *Second Timothy,* саҳ. 109-110.
29. (4,13) Ба юнонӣ «мембранас». Ин дастнависҳои киматбаҳо, аз афташ, китобҳои Навиштаи Муқаддас ё тафсирҳои онҳо буданд.
30. (4,13) Иқтибос аз: H. A. Ironside, *Timothy, Titus and Philemon,* саҳ. 255.
31. (4,16) Низ имкон дорад, ки мурофиа дар охири маҳбусии аввалини Павлус дар назар дошта шудааст.
32. (4,17) Eugene Stock, *Plain Talks on the Pastoral Epistles,* саҳифааш маълум нест.
33. (4,22) Дар матни интиқодӣ (НА) калимаҳои «Исои Масеҳ» партофта шудаанд.

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Номаи якум ба Тимотиюс нигаред.

# НОМА БА ТИТУС

*Ин нома хурд мебошад, вале он қадар таълимоти масеҳии муҳим дошта, чунон моҳирона таълиф шудааст, ки ҳама чизи даркориро барои маърифат ва ҳаёти масеҳӣ дар бар мегирад.*

Мартин Лютер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Зиёда аз нуздаҳ садсола пештар як миссионери куҳансол ин се боби хурдро ба миссионери номаъруфе ки он вақт дар ҷазираи хурде буд, навиштааст. Онҳо ба асри «маърифатнок»-и бистум чӣ муносибате дошта метавонанд? Фарз мекунем, ки онҳо танҳо суханони расул Павлус мебошанд (бисёрии либералҳо ҳатто инро рад мекунанд!); дар ин ҳол онҳо фақат барои дӯстдорони таърихи ҷамоат ва ё барои онҳое ки давраи масеҳияти ибтидоиро меомӯзанд, аҳамияте дошта метавонистанд.

Аммо онҳо ҳамчунин «суханоне мебошанд, ки Рӯҳулқудс бо онҳо таълим медиҳад», бинобар ин дар худ чизеро доранд, ки ягон китоби дигар дода наметавонад. Таҳлили мавзуи усқуфон таълимоти ба ин хеле монандеро, ки дар 1Тимотиюс вомехӯрад, тасдиқ ва дастгирӣ мекунад. Ин такрор ба монанди дигар такрорҳо ва параллелизмҳо дар Навиштаи Муқаддас, ки махсусан дар Аҳди Қадим зиёд вомехӯранд, зиёдатӣ нест; баръакс, Худо мехоҳад, ки халқи Ӯ аҳамият ва эътиборнокии ҳақиқатҳои муайянро дарк намояд.

Эҳтимол, порчаи беҳтарини ин нома боби 2,11-14 мебошанд, ки тасвири мувозинатноки таълимотро оид ба файз дар бар мегиранд.

### II. МУАЛЛИФӢ

Масъалаи муаллифии Нома ба Титус дар «Муқаддима» ба Номаҳои Шубонӣ таҳлил карда мешавад.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Аз рӯи монандии мавзуъ ва калимаҳо, Нома ба Титус, чунон ки омӯзандагони Навиштаи Муқаддас дар ин бора мегӯянд, дар як вақт бо Номаи якум ба Тимотиюс ё дарҳол пас аз он навишта шудааст. Дар ҳар ҳолат, он дар байни Номаҳои якум ва дуюм ба Тимотиюс навишта шудааст. Агарчи вақти навишта шудани ин Номаро аниқ муайян кардан имкон надорад, он тахминан байни солҳои 64-ум ва 66-уми милодӣ навишта шудааст. Ҷои навишта шудан эҳтимолан Мақдуния аст.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Мавзуъҳои асосии нома, ки ба ду номаи дигари шубонӣ монанд аст (ниг. «Муқаддима» ба номаҳои шубонӣ), ба таври олидараҷа онро ошкор мекунанд, ки масеҳиён чӣ гуна бояд таълимот оид ба файзро бо корҳои нек ва тақводорӣ ороиш диҳанд. Мутаассифона, имрӯзҳо бисёрии онҳое ки таълимот оид ба файзро қабул кардаанд, ба корҳои нек ва тақводорӣ таваҷҷуҳи зиёд надоранд. Ин гуна рафтор нодуруст аст ва мафҳуми файзи ҳақиқиро таҳриф мекунад.

Павлус мавзуъро хеле хуб хулоса мекунад: «Ин сухан боварибахш аст, ва ман мехоҳам, ки ту ин чизҳоро таъкид кунӣ, то онҳое ки ба Худо имон овардаанд, дар фикри он бошанд, ки корҳои нек кунанд» (3,8)

# Нақша

I. ДУРУД (1,1-4)
II. ПИРОН ДАР ҶАМОАТ (1,5-9)
III. ИШТИБОҲОТ ДАР ҶАМОАТ (1,10-16)
IV. ВАЗИФАҲО ДАР ҶАМОАТ (2,1-15)
V. ПАНДДИҲӢ ДАР ҶАМОАТ (3,1-11)
VI. ХУЛОСА (3,12-15)

# Тафсир

## I. ДУРУД (1,1-4)

**1,1** *Павлус* ҳам *бандаи Худо ва* ҳам *расули Исои Масеҳ* буд. Дар ҳолати аввал вай чун бандаи Худои Таоло, дар ҳолати дуюм чун фиристодаи Худованди Қодири Мутлақ тасвир мешавад. Дар аввалӣ оид ба тобеият, дар дуюмӣ оид ба қудрат гуфта мешавад. *Банда* шудани вай ба шарофати имони шахсӣ мебошад, *ҳаворӣ* шуданаш – аз рӯи таъйинот.

Вазифаи хизмати вай – рушди *имони баргузидагони Худо ва дониши ростие* мебошад, *ки дар диндорист.* Рушди *имони* онҳо зарурати ба имон овардан водор намудани онҳоро, яъне пеш аз ҳама бозгашт кунондани онҳоро, – ба рушди оянда дар бовар ҳидоят намудани онҳоро ифода карда метавонад. Азбаски ибораи *«дониши ростӣ»* маънои дуюмро дар назар дорад, мо метавонем хулоса барорем, ки хизмати расул ду вазифа дошт: 1) мавъизаи Хушхабар – рушди *имони баргузидагони Худо;* 2) шогирдӣ амиқтар намудани *дониши ростӣ.* Худи ҳамин чиз дар Матто 28,20 акс ёфтааст – ба ҳамаи халқҳо мавъиза кардани Хушхабар ва ба онҳо таълим додани риояи ҳамаи он чи Масеҳ амр фармудааст. Бо гуфтани он ки *имони баргузидагони Худо* ва – рушди он маҳз ҳамон хизматест, ки вай ба он даъват шудааст, расул моро дар пеши таълимот оид ба интихоб шудан мегузорад. Танҳо якчанд таълимот дар Навишта ба сабаби нафаҳмидан бештар аз ин зарар дидаанд. Он боиси муҳокимаронииҳои бешумор гардида, ақлҳои зиёдеро хушк намуд. Дар шакли кӯтоҳ ин аз он иборат аст, ки дар Исои Масеҳ Худо пеш аз офаридани олам баъзеҳоро барои мақсадҳои муайян интихоб намудааст: то ки *онҳо* дар назди Ӯ *муқаддас ва беайб* бошанд (Эфс. 1,4).[1]

Оид ба расулии худ, ки бо *имони интихобшудагони Худо* ва *дониши* онҳо оид ба *ростӣ* вобаста аст, сухан ронда, Павлус илова мекунад, ки ин ҳақиқат *дар худотарсист.* Ин маънои онро дорад, ки имони масеҳӣ бо покии ҳақиқӣ вобастаast ва одамро ба *худотарсии* амалӣ мебарад. Имони солим покиро дар зиндагӣ талаб мекунад. Касе бемаънитар аз воизе наметобад, ки оид ба ӯ чунин мегӯянд: «Ҳангоме ки вай дар минбар аст, одамон намехоҳанд, ки вай онро тарк кунад. Аммо, вайро берун аз минбар дида, онҳо намехоҳанд, ки вай боз ба минбар барояд».

**1,2** Ваколати Павлус нисбати Хушхабар боз як хусусиятро дар бар мегирад. Ӯ на танҳо барои 1) мавъизаи Хушхабар – рушди имони баргузидагони Худо (замони гузашта); 2) шогирдӣ – амиқтар кардани дониши ростӣ (замони ҳозира); балки ҳамчунин барои 3) умед – *ба умеди ҳаёти абадӣ* фиристода шудааст.

Инҷил оид ба *ҳаёти абадӣ* чун оид ба чизе мегӯяд, ки мо имрӯз дорем, ва низ чун оид ба чизе ки моро интизор аст: оид ба умед. Калимаи *«умед»* номуайяниро дар назар надорад. Аз он лаҳзае ки мо ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи мо боварӣ кардем, ҳаёти абадӣ аллакай ҳозир моликияти мо шудааст (Юҳ. 5,24). Аммо, агарчи мо ба шарофати кори наҷотдиҳандаи Масеҳ дорои ҳамаи неъматҳои Ӯ шудаем, то дами ба хонаи абадии худ омаданамон аз ҳамаи онҳо пурра лаззат бурда наметавонем. Мо ба он маъно *умед* дорем, ки интизори ҳаёти абадӣ дар шакли комили он ҳастем, вақте ки баданҳои ҷалолёфтаи худро мегирем ва аз гуноҳ, бемориҳо, азобҳо, ғуссаҳо ва марг озод мешавем (Фил. 3,20.21; Тит. 3,7).

*Умед* асоснок аст, чунки дар *ваъдаи Худо* асос ёфтааст. Ҳеҷ чиз чун ваъдаи *Худои* дар сухан устувор, *ки наметавонад дурӯғ гӯяд,* ва фиреб хӯрда ҳам наметавонад, чунин пойдор буда наметавонад. Ба суханони вай бе ягон шубҳа бовар кардан мумкин аст. Барои

офарида чизе оқилонатар аз он нест, ки ба Офарандаи худ бовар кунад.

Худо ҳаёти абадиро *аз азал ваъда кардааст.* Инро ду хел фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, Худо аз азал муқаррар намуд, ки ба ҳамаи касоне ки ба Худованд Исо имон меоваранд, ҳаёти абадӣ медиҳад. Ва он чи Ӯ муқаррар кардааст, ҳамонро ваъда додааст. Сонияи, ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки ваъдаи додани Масеҳ дар Ҳастӣ 3,15 дар шакли ибтидоӣ аллакай тамоми баракатҳои наҷоти моро дар бар мегирифт. Ҳамаи ин пеш аз пайдоиши асрҳо ё то замоне ки қонунҳои ҳастӣ ба амал шуруъ карданд, буд.

**1,3** *Дар замони муайян* Худо ин нақшаи пурҷалоли ҳаёти абадиро, ки дар гузаштаи дур пешакӣ муқаррар намудааст, зоҳир намуд. Дар замонҳои Аҳди Қадим Ӯ онро пурра ошкор намекард. Имондорони он замон оид ба ҳаёти баъди марг тасаввуроти хеле ноаниқ доштанд. Аммо бо омадани Наҷотдиҳанда ноаниқӣ аз байн рафт. Ӯ ҳаёт ва бефаноиро ба воситаи Хушхабар зоҳир намуд (2Тим. 1,10). Павлус ва расулони дигар ба хотири иҷрои *фармони Наҷотдиҳандаи мо Худо*, бо итоат ба Супориши Бузург, ин Хушхабарро эълон менамуданд.

**1,4** Нома *ба Титус, фарзанди ҳақиқии* Павлус, *ки дар як имон шарик* аст, навишта шудааст. Вале ин Титус кист?

Мо кӯшиш менамоем, ки тарҷумаи ҳоли ӯро қисм-қисм аз се номаи Павлус ҷамъ намоем. Вай аслан юнонӣ буда (Ғал. 2,3), аз афташ, ба воситаи хизмати Павлус бо имон ба Исои Масеҳ аз олами боло зода шуда буд (Тит 1,4). Он вақт оид ба он баҳсу мунозира мерафт, ки кадом Хушхабар дуруст аст. Аз як тараф, Павлус ва ҳамаи онҳое ки таълим медоданд, ки наҷот – аз рӯи файз, танҳо бо имон аст, ва ба ин ҳеҷ чизро илова кардан мумкин нест. Аз тарафи дигар – яҳудиёне ки дар ҳатмӣ будани хатна исрор мекарданд (ин бошад шариатпарастӣ аст) ва чунин меҳисобиданд, ки он барои «шаҳрвандони дараҷаи аввал» рухсатномаест ба Подшоҳии Худо. Титус дар маркази ин ихтилофи ақидаҳо қарор гирифт. Павлус ва Барнаббо ӯро ба Уршалим (Ғал. 2,1) барои вохӯрӣ бо расулон ва усқуфон оварданд. Дар давоми муҳокима онҳо ба хулосае омаданд: зарур нест ки ғайрияҳудиён, дар мавриди додашуда Титус, барои наҷот ёфтан шариат ва анъанаҳои яҳудиёнро риоя намоянд (Аъм. 15,11). Яҳудӣ шудани ғайрияҳудӣ зарур набуд, ва низ лозим набуд, ки яҳудӣ ғайрияҳудӣ шавад. Баръакс, ҳам яҳудӣ ва ҳам ғайрияҳудӣ бо имон ба Масеҳ офаридаи нав мешуданд.

Ҳамин тариқ, Титус ҳамчун «вакил» дар Қуринт ва дар Крит меҳнат намуда, яке аз ёрдамчиёни муҳимтарини Павлус шуд. Расул пеш аз ҳама ӯро аз Эфесус ба Қуринт, аз афташ, барои ислоҳи масъалаҳои таълимӣ ва ахлоқӣ дар он ҷамоат фиристод. Андаке дертар Титус бо Павлус дар Мақдуния вохӯрда, ба вай оид ба он нақл намуд, ки қуринтиён насиҳатҳои расулонаи ӯро қабул карданд, ва Павлус аз ин хеле хурсанд шуд (2Қур. 2,12.13; 7,5-7.13-16). Аз Мақдуния расул Титусро боз ба Қуринт, ин дафъа барои ҷамъ намудани хайрот ба муқаддасони дар Уршалим мезиста фиристод (2Қур. 8,6.16. 17; 12,18). Павлус оид ба вай гуфта буд: «... ӯ рафиқ ва ҳамкори ман аст назди шумо» (2Қур. 8,23). Мо аниқ намедонем, ки Павлус кай дар Крит ҳамроҳи Титус буд, аммо мувофиқи ақидаи аксарият, ин баъди маҳбусии аввалини расул дар Рум воқеъ шуда буд.

Бори охир дар бораи Титус дар 2Тимотиюс 4,10 зикр карда мешавад. Ҳангоми маҳбусии дуюми Павлус вай як муддате ҳамроҳи ӯ буд, ва аз он ҷо, мувофиқи суханони Павлус, ба Далмотия рафт. Шояд, маҳз Павлус ӯро ба он ҷо фиристод, агарчи мувофиқи оят дар назди мо шахси танҳо ва таркшуда намоён мешавад.

Расул Титусро *фарзанди ҳақиқӣ* меномад, *ки дар як имон шарик аст.* Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки Худо Павлусро чун асбоб барои имон овардани Титус истифода бурд, агарчи мумкин аст ин тавр набошад. Павлус Тимотиюсро низ фарзанди ҳақиқӣ дар имон мономид (1Тим. 1,2), дар айни ҳол, вақте ки Павлус бо Тимотиюс бори аввал вохӯрд, эҳтимол, вай аллакай шогирд буд (Аъм. 16,1). Пас, ин суханон метавонанд маънои онро дошта бошанд, ки ин ҷавонон сифатҳоеро зоҳир намуданд, ки ба сифатҳои Павлус монанд буданд, ва ҳамин тариқ дар хизмати масеҳиёна зич алоқаманд буданд.

Павлус ба пайрави ҷавони худ *файз, марҳамат ва осоиш* хоҳон аст. Дар ин ҳолат файз маънои қувваи илоҳиро дорад, ки барои ҳаёт ва хизмат даркор аст. *Марҳамат* – дилсӯзӣ дар эҳтиёҷоти одамон аст. *Осоиш* – аз хавотиршавӣ, воҳима ва бетартибӣ озод будан

аст, бо вуҷуди шароити номусоиде ки ба миён омадаанд. Ин бахшоишҳо, чун як чизи том, аз *Худои Падар ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳи Худованд* бармеоянд. Бо ин шаҳодат дода мешавад, ки Падар ва Писар сарчашмаи файз, марҳамат ва осоиш мебошанд, Рӯҳулқудс бошад баробарии комили онҳоро пурра мекунад.

## II. ПИРОН ДАР ҶАМОАТ (1,5-9)

**1,5** Ҳангоме ки Павлус аз Крит мерафт, он ҷо *корҳои нотамом* боқӣ монда буданд, ки бояд *ба анҷом расонида* мешуданд. Он ҷо муаллимони дурӯғинро боздоштан лозим буд, ба ғайр аз ин дар ҷамоат эҳтиёҷ ба роҳбарони рӯҳонии боэътибор ҳис карда мешуд. Вай Титусро барои он гузошт, ки вай оид ба ҳамаи ин эҳтиёҷот ғамхорӣ намояд.

Мо намедонем, ки имони масеҳӣ кай бори аввал ба ҷазираи Крит расида буд. Шояд, маънидоди беҳтарин он хоҳад буд, ки дар рӯзи Пантикост баъзе сокинони Крит дар Уршалим буданд (Аъм. 2,11). Баъди ба Крит бозгаштан онҳо ҷамоатҳои маҳаллӣ бунёд намуданд.

Ҳамчунин мо аниқ гуфта наметавонем, ки Павлус ва Титус кай дар Крит буданд. Ба мо маълум аст, ки вай дар ин ҷазира ҳангоми маҳбусияш, дар роҳ ба сӯи Рум, таваққуф намуда буд (Аъм. 27,12), ва аз ин сабаб дар ҷамоатҳо хизматгузории фаъолона карда наметавонист. Азбаски дар китоби Амалҳо оид ба будубоши Павлус дар Крит дигар чизе гуфта намешавад, аксаран чунин меҳисобанд, ки вай баъди маҳбусии якумаш дар Рум ба он ҷо сафар карда буд. Номаҳои аввалини Павлусро таҳқиқ намуда, пайдарпайии зерини ҳодисаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст:

Аввал дар роҳ ба Осиё (Туркияи ғарбии ҳозира) Павлус аз Италия ба Крит равона шуд. Титусро дар Крит гузошта (Тит. 1,5), вай ба Эфесус, пойтахти Осиё, равона мешавад. Он ҷо вай Тимотиюсро гузошта, ба вай супориш медиҳад, ки ғалатҳои аллакай дар таълимот пайдошударо ислоҳ кунад (1Тим. 1,3.4). Сипас вай ба воситаи баҳри Эгей ба Мақдуния равона мешавад ва он ҷо саъй мекунад, ки вазифаи асосии худро ба ҷо оварад: дарҳол пас аз озодшавӣ ба Филиппӣ рафтан, чунон ки ҳангоми дар зиндон буданаш ваъда дода буд (Фил. 1,26). Ниҳоят, вай ба воситаи Юнон ба ҷанубу ғарб, ба Никӯпӯлис, равона мешавад, ки он ҷо дар интизории Титус зимистонро гузарониданӣ буд (Тит. 3,12).

Мувофиқи навиштаҳои Ҳомер, он вақт дар Крит аз 90 то 100 шаҳр буд. Дар бисёрии ин шаҳрҳо ҷамоатҳо бунёд шуда буданд. Ҳар яки онҳо ба пирон эҳтиёҷ доштанд.

---

### ПИРОНИ ҶАМОАТ

Пирон дар Аҳди Нав мардони ботаҷрибаи масеҳӣ мебошанд, ки рафтори беайб дошта, дар ҷамоати маҳаллӣ роҳбарии рӯҳониро таъмин менамоянд. Номи «пир» ба шахси рӯҳан камолёфта тааллуқ дорад ва аз калимаи юнонии «пресбитерос» тарҷума шудааст. Калимаи юнонии «эпископос» чун «усқуф», «нозир», «нигаҳбон» тарҷума мешавад. Ҳамин тавр вазифаи пир ҳамчун шубони рамаи Худо тавсиф мешавад.

Бо калимаҳои «пир» ва «усқуф» бинобар сабабҳои зерин худи ҳамон одамон дар назар дошта мешаванд. Дар Амалҳо 20,17 Павлус пиронро («пресбитерои») аз Эфесус даъват намуд; дар ояти 28 вай ба онҳо чун ба нигаҳбонон («эпископои») муроҷиат мекунад. Дар 1Петрус 5,1-2 Петрус ҳамчунин истилоҳоти ивазкунандаи ҳамдигарро ба кор мебарад. Тасвири сифатҳои ҳатмӣ барои усқуфон («эпископои») дар 1Тимотиюс 3 ва пир («пресбитерои») дар Титус 1 низ асосан бо ҳам мувофиқат мекунанд.

Дар замони ҳозира «усқуф» ё «пресвитер» гуфта касеро меноманд, ки иерархия ё гурӯҳи ҷамоатҳоро дар ин ё он маҳал идора мекунад. Аммо дар Аҳди Нав ин калима ҳеҷ гоҳ чунин маъно надошт. Мувофиқи Навишта, дар як ҷамоат бояд якчанд усқуфон бошанд, на ин ки як усқуф бар якчанд ҷамоат.

Ҳамчунин усқуфро бо шубони («пастор») ҳозира, ки асосан барои мавъиза, таълим ва идора кардани маросимҳои ҷамоати маҳаллӣ масъул аст, омехтан мумкин нест. Чунин ҳисобидан қабул шудааст, ки дар Ҷамоати ибтидоӣ ин гуна шахс набуд. Ҷамоатҳо аз муқаддасон, усқуфон ва диаконҳо иборат буданд (Фил. 1,1). Ҳукмронии як одам танҳо дар асри дуюм пайдо шудааст.

Шубонӣ дар Аҳди Нав яке аз бахшоишҳои барои хизмати махсус муқарраршуда аст, ки аз тарафи Масеҳ баъди растохез ва ба осмон рафтани Ӯ ато шуда буд. Ин бахшоиш ба муқаддасон дар нашъунамои рӯҳонӣ ва хизмат ба муқаддасон ёрӣ медод (Эфс. 4,11.12). Хизмати шубонон ва пирон аз бисёр ҷиҳатҳо монанд аст. Ҳар дуяшон даъват шудаанд, ки оид ба рамаи Худо ғамхорӣ кунанд ва ба он ғизои рӯҳонӣ диҳанд. Аммо онҳо ҳеҷ гоҳ як ҳисобида намешуданд. Эҳтимолан хизмати шубон дар сафар буда метавонад, дар ҳоле ки пир одатан бо як ҷамоати маҳаллӣ алоқаманд аст.

Хизмати пирон муфассал тасвир шудааст:

1. Онҳо Ҷамоати Худовандро насиҳат медиҳанд ва оид ба он ғамхорӣ мекунанд (Аъм. 20,28; 1Тим. 3,5; 1Пет. 5,2).
2. Онҳо тайёранд Ҷамоатро аз ҳуҷуми берунӣ ва дохилӣ ҳимоя мекунанд (Аъм. 20,29-31).
3. Онҳо на бо фишор овардан, балки бо намунаи шахсӣ роҳбарӣ ва ҳукмронӣ мекунанд (1Тас. 5,12; 1Тим. 5,17; Ибр.13,7.17; 1Пет. 5,3).
4. Онҳо Каломро мавъиза карда, дар таълимоти солим насиҳат мекунанд ва мухолифонро рад менамоянд (1Тим. 5,17; Тит. 1,9-11).
5. Онҳо баҳсу мунозира оид ба масъалаҳои таълимӣ ва ахлоқиро аз назар мегузаронанд ва ҳал мекунанд (Аъм. 15,5.6; 16,4).
6. Онҳо бо ҳаёти худ ба рама намуна нишон медиҳанд (Ибр. 13,7; 1Пет. 5,3).
7. Онҳо барои барқарор намудани масеҳиёне ки гуноҳе кардаанд, кӯшиш мекунанд (Ғал. 6,1).
8. Онҳо чун онҳое ки бояд ҳисобот диҳанд, оид ба ҷонҳои масеҳиён ғамхорӣ мекунанд (Ибр. 13,17).
9. Онҳо хизмати дуогӯиро ба ҷо меоранд, хусусан барои беморон (Яъқ. 5,14.15).
10. Онҳо оид ба масеҳиёни камбизоат ғамхорӣ мекунанд (Аъм. 11,30).
11. Онҳо ба касоне ки Худо ба хизмат даъваташон намудааст ва барои ин бахшоиши муайяне додааст, мадад мерасонанд (1Тим. 4,14).

Равшан аст, ки дар Ҷамоати ибтидоии пиронро расулон ё намояндагони онҳо таъйин мекарданд (Аъм. 14,23; Тит. 1,5). Аммо ин чунин маъно надошт, ки расулон ва намояндагони онҳо дорои қуввае буданд, ки касро пир *карда* тавонад. Барои он ки касе пир шуда тавонад, бо иродаи одам пайваст шудани пешбинии Худо лозим буд. Танҳо Рӯҳулқудс касеро усқуф ё роҳбар карда метавонад (Аъм. 20,28), аммо шахс бояд худаш ба ин кор шавқу рағбат дошта бошад (1Тим. 3,1). Бояд муттаҳидшавии ҷиҳати илоҳӣ ва инсонӣ ба амал ояд.

Дар замони расулон, ҳангоме ки ҷамоатҳо таъсис меёфтанд, дар онҳо пирон набуданд, чунки ҳамаи масеҳиён навимон буданд. Бо мурури замон Худованд баъзеҳоро махсус барои ин хизмати муҳим интихоб намуд. Азбаски Аҳди Нав ҳанӯз навишта нашуда буд, масеҳиён оид ба талабот ба пирон ва вазифаҳои онҳо чизе намедонистанд. Танҳо расулон ва ҳамсафони онҳо инро медонистанд. Дар асоси ин донишҳо онҳо барои ин хизмат шахсонеро интихоб менамуданд, ки ба талаботи илоҳӣ ҷавобгӯ буданд, ва сипас инро ба ҷамоат эълон менамуданд.

Ҳозир мо Аҳди Нави анҷомёфта дорем. Мо медонем, ки пир бояд чӣ гуна бошад ва чӣ бояд кунад. Ҳангоме ки мо ин гуна одамонро, ки хизмати назораткунандагонро ба ҷо меоранд, мебинем, онҳоро мешиносем (1Тас. 5,12) ва ба онҳо гӯш меандозем (Ибр. 13,17). Ин ҷо масъалаи интихоби мо нест, балки эътирофи онҳоест, ки Худо барои ин хизмат тайёрашон кардааст.

Тасвири сифатҳои пиронро дар 1Тимотиюс 3,1-7 ва дар ин ҷо, дар Нома ба Титус, пайдо кардан мумкин аст. Баъзан мо оид ба он мешунавем, ки имрӯзҳо пирон нестанд, чунки ба онҳо талаботи сахт пешниҳод карда мешаванд. Ин гуна ақидаҳо эътибори Навиштаро паст мекунанд, хусусан вақте мегӯянд, ки онро айнан қабул кардан мумкин нест. Дар талаботи додашуда ҳеҷ чизи беақлона ва ё дастнорас нест. Ҳангоме ки ба Навиштаи Муқаддас ҳамчун ба китоби ғайривоқеӣ муносибат мекунем, мо сатҳи бе ин ҳам пасти инкишофи рӯҳонии худро аён мекунем.

---

**1,6** Пирон одамоне мебошанд, ки *беайбанд,* яъне покии дохилии онҳо шубҳаовар нест. Онҳоро дар таълимоти бардурӯғ ва дар рафтори бадахлоқона айбдор кардан имкон надорад.

Ин маънои онро надорад, ки онҳо бегуноҳанд, аммо агарчи дар ягон чизи камаҳамият хато кунанд ҳам, ҳамеша тайёранд дар назди Худо тавба кунанд, ва аз касе ки ранҷондаанд, узр хоҳанд, ва агар лозим ояд, зарари расондаашонро ҷуброн кунанд.

Ҳамчунин вай бояд *шавҳари як зан* бошад. Дар ҳадди ақалл ҳафт варианти тафсири ин суханон ҳаст: 1) вай бояд зандор бошад; 2) вай набояд аз занаш ҷудо шуда бошад; 3) вай набояд баъди ҷудошавӣ зан гирифта бошад; 4) вай набояд баъди марги зани якумаш зан гирифта бошад; 5) вай набояд занҳои бисёр дошта бошад; 6) вай набояд суррияҳо ва ё маъшуқаҳо дошта бошад; 7) он чиз муҳим аст, ки вай бояд шавҳари бовафо ва намунаи ахлоқи ҳамида бошад.

Агар ибораи *«шавҳари як зан»* маънои онро дошта бошад, ки вай бояд зандор бошад, пас бо ҳамон сабаб вай бояд фарзандон низ дошта бошад, чунки дар худи ҳамон оят гуфта шудааст, ки *фарзандони* вай бояд имондор бошанд. Албатта, беҳтар он аст, ки усқуф оила дошта бошад; дар ин ҳол вай метавонад ба мушкилоти оилавӣ дар ҷамоат бо дарки бештаре сарфаҳм равад. Аз эҳтимол дур аст, ки ин оят усқуф шудани ҳар шахси безанро манъ мекарда бошад.

Зоҳиран, ин ҳамчунин маънои онро надорад, ки вай умуман набояд аз занаш ҷудо шуда бошад, охир, худи Наҷотдиҳанда таълим медод, ки аз зан ҷудо шудан мумкин аст, ақаллан дар як ҳолат (Мат. 5,32; 19,9).[2]

Ҳамчунин ин наметавонад маънои онро дошта бошад, ки дар ҳама ҳолат вай дигар наметавонад зан гирад. Масалан, имкон дорад, ки масеҳии комилан беайб аз зани беимон ҷудо шуда бошад, ва он зан баъд ба шавҳар баромада бошад. Дар ин ҳолат масеҳӣ победа пайванд нест. Азбаски зани беимонаш ҷудо шуда, оилаи нав барпо кардааст, марди масеҳӣ ҳақ дорад боз оиладор шавад.

Тафсире ки гӯё агар вай баъди марги зани якумаш боз зан гирад, усқуф шуда наметавонад, дар асоси суханони 1Қуринтиён 7,39 номақбул аст: «Зан, мувофиқи шариат, то даме ки шавҳараш зинда аст, ба ӯ тааллуқ дорад; пас аз вафоти шавҳараш вай боз озод шуда, ба ҳар касе ки хоҳад, оиладор шавад, фақат дар Худованд бошад».

Албатта, ибораи *«шавҳари як зан»* маънои онро дорад, ки усқуф наметавонад занҳои бисёр дошта бошад ва ё дорои суррияҳо ва маъшуқаҳо бошад. Аслан, ин маънои онро дорад, ки ҳаёти оилавии вай бояд барои ҷамоат намунаи покӣ бошад.

Илова бар ин вай бояд *фарзандоне дошта бошад, ки дар бадахлоқӣ ё саркашӣ сарзаниш нашудаанд.* Навиштаи Муқаддас аниқ мегӯянд, ки волидон барои он масъуланд, ки фарзандонашон чӣ хел хоҳанд буд (Мас. 22,6). Агар дар оила роҳбарии дуруст бошад, агар он дар Каломи Худо насиҳат мегирифта бошад, дар ин ҳол *фарзандон* одатан ба намунаи волидонашон пайравӣ мекунанд. Агарчи падар масъалаи наҷоти фарзандони худро ҳал карда наметавонад, вай бо сухани дурусти ҳидояткунанда, интизом ва муҳаббат, дар ҳаёти худ аз риёкорӣ ва бесуботӣ канораҷӯӣ намуда, роҳро барои Худованд тайёр карда метавонад.

Агар фарзандон ба айшу ишрат афтанд ва ё бар зидди эътибори волидон бароянд, Навишта ҷавобгариро ба дӯши падар мегузорад. Мусоҳилакорӣ ва ҳама чизро иҷозат додан ӯро айбдор мекунанд. Агар вай оилаи худро идора карда натавонад, усқуф будан ҳам наметавонад, чунки дар ҳар ду ҳолат ҳамон принсип амал мекунад (1Тим. 3,5).

Саволе ба миён меояд: оё талабот оид ба *фарзандони имондор* ба вақти дар хонаи волидон зиндагӣ кардани фарзандон дахл дорад ва ё он ҳамчунин давраеро дар бар мегирад, ки онҳо ҷудо, яъне берун аз хонаи волидон зиндагӣ мекунанд? Мо аввалиро афзал мешуморем, агарчи дар ёд нигоҳ медорем, ки тарбия дар оила яке аз омилҳои ҳалкунандаи ташаккули хислат аст.

**1,7** *Усқуф масъули кори Худост.* Ҷамоате ки вай онро назорат мекунад, ҷамоати вай нест. Вай меҳнати илоҳиро дар ҷамъомади илоҳӣ ба ҷо меорад. Бори дуюм гуфта мешавад, ки вай бояд *беайб бошад,* яъне ба ин диққати махсус додан лозим аст. Бешубҳа, вай бояд шахсе бошад, ки на дар таълим, на дар ахлоқ сазовори таънаву маломат набошад. Вай бояд *худписанд* набошад. Агар вай худраъй бошад, ғайр аз ақидаи худ ҳеҷ ақидаи дигареро қабул накунад, чунин ҳисобад, ки ҳамеша ҳақ ба ҷониби ӯст, бетаҳаммул бошад, хоксор набошад, пас, вай роҳбари рӯҳонӣ буда наметавонад. Усқуф ҳакам аст, на ҳукмфармо.

Вай бояд *зудхашм* набошад. Агар вай тундмизоҷ бошад, вай бояд ҷилавгирӣ

намудани онро ёд гирад. Оташинии вай ҳеҷ гоҳ набояд зоҳир шавад.

Вай набояд *майпараст* бошад. Дар фарҳанги мо ин метавонад хеле одӣ тобад, ки оид ба он сухан рондан зарур нест, аммо бояд дар ёд дошт, ки Навиштаи Муқаддас барои ҳамаи халқҳо ва фарҳангҳо навишта шудааст. Дар он кишварҳое ки масеҳиён майро ҳамчун нӯшокии одӣ истеъмол мекунанд, хатари суиистифодаи он ва рафтори бетартибона вуҷуд дорад. Дар ҳолати додашуда маҳз ҳамин набудани худназораткунӣ дар назар дошта шудааст.

Навиштаи Муқаддас фарқи байни истеъмоли май ва суиистифодаи онро равшан нишон медиҳад. Ҳангоме ки Исо дар базми арӯсӣ дар Қоно обро ба май мубаддал намуд (Юҳ. 2,1-11), он ҳамчун нӯшоба истеъмол мешуд. Расул Павлус ба мақсадҳои тиббӣ онро ба Тимотиюс маслиҳат дода буд (1Тим. 5,23; Мас. 31,6). Суиистифодаи май ва ҳама гуна нӯшокии масткунанда дар Масалҳо 20,1 ва 23,29-35 маҳкум карда мешавад. Агарчи дар Навишта оид ба тамоман даст кашидан аз май гуфта нашудааст, он ҷо оид ба як ҳолате гуфта шудааст, ки аз истеъмоли он худдорӣ карданро талаб мекунад: ҳангоме ки истеъмоли май барои бародари суст монеа ва ё васваса буда метавонад (Рум. 14,21). Маҳз ҳамин боиси он шуд, ки бисёр масеҳиён умуман аз истеъмоли май худдорӣ мекунанд.

Оид ба усқуфон бошад сухан на дар бораи умуман аз май худдорӣ кардан меравад, балки оид ба истифодае ки боиси мастшавӣ мегардад.

Вай ҳамчунин бояд *муштзӯр* набошад. Вай набояд барои ислоҳи дигарон ба зӯроварии ҷисмонӣ рӯ оварад. Мо оид ба баъзе шахсони рӯҳонӣ шунидаем, ки нисбати аъзоёни беитоати ҷамоати худ баъзан таъсири ҷисмониро ба кор мебурданд. Ин гуна усули тарсондан барои усқуф манъ аст.

Вай набояд *тамаъкор* бошад ё барои сарватманд шудан саъй карда, кори худро сарфи назар кунад. Самуил Ҷонсон дуруст гуфтааст: «Ҳирси зар, беҳиссиётӣ ва бераҳмӣ ин марҳалаи охирини фосидшавии инсон аст». Усқуфи ҳақиқӣ ҳамроҳи Павлус гуфта метавонад: «Ман ба симу зар ё пероҳани касе чашм надӯхтаам» (Аъм. 20,33).

**1,8** Сифатҳои мусбати усқуф инҳоянд: вай бояд *меҳмоннавоз* бошад. Хонаи вай бояд ҳамеша барои ғарибон, барои онҳое ки мушкилоти шахсӣ доранд, барои ситамдидагон ва мазлумон кушода бошад. Он бояд ҷои мушоракати пурмеҳри масеҳиёна бошад, ки он ҷо ҳама гуна меҳмонро чунон қабул мекунанд, ки гӯё Худи Худованд бошад.

Сипас, вай бояд *хайрхоҳ* бошад – дӯстдори ҳамаи чизҳои хуб ва ҳамаи одамони хуб. Сухангӯии вай, машғулияташ ва муошираташ бояд аз он шаҳодат диҳанд, ки вай аз ҳама чизи шубҳаовар, ноаниқ ё нодуруст ҷудост.

Вай бояд *боандеша* бошад. Ин маънои онро дорад, ки вай боақл, ботаҳаммул аст ва худро идора карда метавонад. Худи ҳамин калима дар Титус 2,2.5.6.12 вомехӯрад, ки он ҷо чунин маъно дорад: «дорои ақли солим, худдорӣ ва ҳушёрӣ будан».

Дар муошират бо дигарон усқуф бояд *росткор* бошад. Дар муносибат бо Худо вай бояд *муқаддас* бошад. Нисбати худ *худдор* бошад. Павлус дар Ғалотиён 5,22.23 маҳз оид ба ҳамин навишта буд: «Аммо самари рӯҳ инҳост: ... худдорӣ». Ин маънои онро дорад, ки чунин шахс ҳама гуна хоҳишро дар итоат ба Масеҳ ҷилавгирӣ мекунад. Дар ҳоле ки қувваро барои ин танҳо Рӯҳулқудс дода метавонад, имондор, аз тарафи худ, бояд албатта интизом ва ҳамкорӣ зоҳир намояд.

**1,9** Усқуф бояд дар имон солим бошад. Вай бояд таълимоти рӯҳан солимро пайравӣ кунад, ки Исои Масеҳ ва расулонаш ба мо додаанд, ки имрӯзҳо Аҳди Нав номида мешавад. Танҳо дар ҳамин ҳолат вай метавонад ба муқаддасон ғизои парҳезии мувозинатноки *таълимоти солимро* пешкаш намояд ва мухолифони ҳақиқатро боздорад.

Ҳамин аст тавсифи роҳбарони рӯҳонӣ дар ҷамоати маҳаллӣ. Бояд зикр кард, ки оид ба шуҷоати ҷисмонӣ, дастовардҳо дар маълумотнокӣ, вазъи иҷтимоӣ ва – чолокии онҳо дар соҳибкорӣ чизе гуфта нашудааст. Фаррошӣ хамидақомат, сода ва бемаълумот аз ҷиҳати сифатҳои рӯҳонияш метавонад усқуфи сазовор бошад. Чунон фикре нодуруст аст, ки гӯё ҳамон чизе ки шахсро дар соҳибкорӣ бобарор мекунад, ӯро дар ҷамоат роҳбар мегардонад.

Гузашта аз ин, сифатҳои зикршудаи пири ҷамоат далели он мебошанд, ки ӯ на он шахсест, ки масъалаҳоро оид ба даъвати воизон, фондҳои молиявӣ ва таъмири бино ҳал мекунад. Пири ҳақиқӣ ба таври амиқ ва ҷиддӣ ба

ҳаёти рӯҳонии ҷамоат, таълим, насиҳат, тақвият додан, фош кардан ва ислоҳ намудан ҷалб карда шудааст.

## III. ИШТИБОҲОТ ДАР ҶАМОАТ (1,10-16)

**1,10** Дар ибтидои масеҳият дар ҷамоатҳо «озодии рӯҳ» амалӣ мегардид, яъне ҳар кас метавонист бо таҳрики Рӯҳулқудс озодона дар ҷамъомад иштирок намояд. Дар 1Қуринтиён 14,26 Павлус ин гуна ҷамъомади «кушода»-ро тасвир мекунад: «Пас, эй бародарон, чӣ бояд кард? Вақте ки шумо ҷамъ мешавед, ва ҳар яке аз шумо таронае аз Забур, ё насиҳате, ё забоне, ё ваҳйе, ё тафсире дорад, бигзор ҳамааш барои обод кардан бошад». Вазъияте ки Рӯҳулқудс ба воситаи аъзоёни гуногун дар ҷамъомад озодона амал мекунад, идеалӣ мебошад. Аммо, мутаассифона, одам чуноне мебошад, ки ҳаст. Дар ҳар ҷое ки ин гуна озодӣ зоҳир шавад, шумо зуд касонеро пайдо карда метавонед, ки аз он бо ворид кардани таълимоти дурӯғин, айбҷӯиҳои барои ободкунӣ хизмат намекарда ва ё гуфтаҳои беохири аз рӯҳ маҳрум суиистифода карданӣ мешаванд.

Дар ҷамоатҳо дар ҷазираи Крит маҳз ҳамин ҳодиса рӯй дод. Павлус аҳамияти роҳбарии мустаҳками рӯҳониро, ки суиистифодаҳоро манъ намуда, озодии рӯҳро ҳимоя мекунанд, дарк мекард. Вай ҳамчунин дарк мекард, ки таъйин намудани усқуфони сазовори ин ном хеле муҳим аст. Ҳамин тариқ, ин ҷо Павлус душвориҳоеро номбар мекунад, ки қотеона амал намуданро, яъне дар ҷамоатҳо таъйин намудани усқуфонро талаб менамуданд.

*Бисёр касони беитоат* бар зидди ҳукми расулон бархоста, таълимоти онҳоро рад мекарданд. Онҳо *беҳудагӯён ва фиребгаронанд*. Суханрониҳои онҳо боиси ҳеҷ гуна ободии рӯҳонӣ намешуд. Баръакс, онҳо аз одамон ҳақиқатро дуздида, ба иштибоҳ равона мекарданд.

*Алалхусус* ин одамон *аз байни хатнашудагон* буданд, яъне муаллимони яҳудӣ, ки агарчи даъвои масеҳият доштанд, аммо дар асл хатна ва риояи қонунҳои маросимиро ҳатмӣ меҳисобиданд. Ин амалан рад кардани кофӣ будани кори Масеҳ буд.

**1,11** Ин гуна одамонро ба хомӯшӣ водор намудан лозим аст. Онҳо бояд фаҳманд, ки ҷамъомад демократия нест ва озодии сухан ҳудуди худро дорад. Онҳо *хонаводаҳоро ба пуррагӣ* фосид мекарданд. Оё ин маънои онро дорад, ки онҳо таълимоти худро ба хонаҳо махфиёна ворид месохтанд? Ҳамин аст усули дӯстдоштаи фирқаҳо (2Тим. 3,6). Сабабҳои водоркунандаи онҳо низ шубҳаовар буданд. Онҳо аз боиси пул амал мекарданд ва хизматро барои пардапӯш намудани мақсадҳои ғаразноки худ истифода мебурданд. Мавъизаҳои онҳо ба торҳои шариатпарастонаи одам расида, ӯро бовар мекунонданд, ки вай бо иҷрои маросимҳои динӣ сазовори ҳусни таваҷҷуҳи Худо шуда метавонад, дар ҳоле ки тамоми ҳаёташ пур аз фасод ва нопокист. Онҳо *аз сабаби фоидаи нангин* таълим медоданд, ки ҳеҷ ҳуқуқе барои он надоштанд.

**1,12** Дар ин оят Павлус ба Титус ёдрас мекунад, ки бо чӣ гуна одамон рӯ ба рӯ мешавад. Дуруштии беандоза ва тундзабонӣ хусусан ба муаллимони дурӯғин ва умуман ба аҳли Крит дахл дорад. Павлус суханони Эпименид ном шоиреро меорад, ки 600 сол пеш аз Масеҳ мезист. Вай онҳоро *«дурӯғгӯ, дарандагони бадкин, ва шикампарастони танбал»* меномад. Аз афташ, ҳар халқ хусусиятҳои хоси худро дорад, аммо фақат баъзеи онҳо дар фасод аз аҳли Крит пешдастӣ карда метавонистанд. Онҳо ба *дурӯғгӯӣ* одат кардаанд; дар ифлосии ношоиста ва фосиқии ваҳшиёна зиста, онҳо ба дарандаҳои бадкин монанд шудаанд. Онҳо ба кор бо нафрат муносибат намуда, аммо ба пурхӯрӣ дода шуда, бо ҳаёти худ эълон менамуданд: ҳама чиз барои ошхона ва ҳеҷ чиз барои ҷамоат!

**1,13** Расул ҳаққонияти хислати дар боло зикршударо тасдиқ мекунад. Дар пеши Титус «ашёи хом»-е буд, ки аз он ҳеҷ чизи хуберо интизор шудан мумкин нест, ва илова ба ин вайроншуда аст – ин барои рӯҳафтода кардани ҳар кадом миссионер кофист! Аммо Павлус ин одамонро аз рӯйхат берун накарда, ба Титус фармуд, ки онҳоро тарк накунад. Хушхабар ба одами бадтарин умед меорад. Ҳамин тариқ, Павлус ба ёрдамчии худ маслиҳат медиҳад: *онҳоро сахт сарзаниш намо, то дар имон солим бошанд*. Ягон вақт онҳо на танҳо масеҳиёни намунавӣ, балки дар ҷамоатҳои

маҳаллӣ усқуфони тақводор хоҳанд шуд. Ин порча пур аз суханони рӯҳбаландкунӣ барои кормандони масеҳӣ мебошанд, ки дар китъаҳои душвори киштзорҳои миссионерӣ (ва кадом ҷой душвор нест?) меҳнат мекунанд. Дар паси ифлосӣ, дағалӣ, бемасъулиятӣ барои одамон ҳамеша имконияте ниҳон аст, ки масеҳиёни парҳезгор, пок ва босамар шаванд.

**1,14** Муаллимони дурӯғинро бо қатъият сарзаниш намуда, Титус мебоист онҳоро огоҳ мекард, ки *ба афсонаҳои яҳудиён ва ба фармудаҳои одамоне ки аз ростӣ рӯй мегардонанд, гӯш наандозанд.* Яҳудиён дар олами тасаввурот ва қоидаҳои диние мезистанд, ки дар хӯроки пок ва нопок, риояи рӯзҳо, нигоҳ доштани худ аз нопокшавиҳои маросимӣ марказонида шуда буд. Павлус оид ба ин дар Кулассиён 2,23 чунин навишта буд: «Ҳамаи ин дар ибодати худсарона, хоксорӣ ва озори ҷисм ба назар ҳикмат менамояд, лекин дар пешгирӣ кардани ҷисм фоида надорад».

**1,15** Суханони баъдинаи Павлусро бисёр одамон нодуруст мефаҳманд. Бинобар ин мо онҳоро муфассал дида мебароем. Вай менависад: «Барои муқаддасон ҳама чиз пок аст; вале барои олудагон ва беимонон ҳеҷ чиз пок нест, балки ҳам хиради онҳо ва ҳам виҷдонашон олуда гардидааст».

Агар калимаҳои *«барои муқаддасон ҳама чиз пок* аст»-ро берун аз матн чун ифодаи ҳақиқати мутлақ барои ҳамаи соҳаҳои ҳаёт гирем, мушкилие ба миён меояд. Ҳатто барои онҳое ки фикрҳояшон пок аст, на ҳама чиз пок мебошад. Аммо одамон ин оятро барои сафед кардани маҷаллаҳои зишт, филмҳои бешармона ва ҳатто худи бадахлоқӣ истифода мебаранд. Петрус ин гуна рафторро таҳрифи Навишта меномад, ки «барои онҳо ҳалокат меоварад» (2Пет. 3,16).

Бояд равшан бошад, ки ин оят бо ҳама чизи вобаста ба гуноҳ, ки зимнан онро Навиштаи Муқаддас маҳкум мекунад, алоқае надорад. Ин ифодаи маҷозиро бояд зимни матн аз назар гузаронд. Павлус оид ба масъалаҳои покии ахлоқӣ, ки дар моҳияти худ дуруст ё нодурустанд, сухан намеронад. Аниқтараш, вай фарқҳои ахлоқии вобаста ба онро муҳокима мекунад, ки барои яҳудиёни таҳти шариат мезиста нопок буд, аммо барои масеҳие ки таҳти файз зиндагӣ мекунад, комилан қобили қабул буд. Намунаи ин истеъмоли гӯшти хук аст. Дар Аҳди Қадим хӯрдани гӯшти хук ба халқи Худо номумкин буд. Худованд Исо ин қонунро бекор кард, вақте гуфт: «... ҳар чизе ки аз берун ба даруни одам дарояд, наметавонад вайро нопок кунад» (Марқ. 7,15). Ӯ бо ин суханон ҳама гуна хӯрокро пок эълон кард (Марқ. 7,19). Павлус ин ҳақиқатро бо суханони зерин такрор мекунад: «Хӯрок моро ба Худо наздик намекунад: зеро ки на аз хӯрдан манфиате мебинем, на аз нахӯрдан зиёне» (1Қур. 8,8). *«Барои муқаддасон ҳама чиз пок аст»* гуфта, вай онро дар назар дорад, ки барои ҳар касе ки аз олами боло зода шудааст, тамоми хӯрданӣ пок аст, *вале барои палидон ва беимонон ҳеҷ чиз пок нест.* Одамро на он чи ба даруни вай медарояд, балки он чи аз дили вай мебарояд, нопок мекунад (Марқ. 7,20-23). Агар ҳаёти дохилии одам пур аз нопокӣ бошад, агар вай ба Худованд Исо бовар накунад, пас барои вай ҳеҷ чизи пок нест. Риояи парҳез дар ҳаёти вай чизеро дигаргун намекунад. Пеш аз ҳама вай бояд бозгашт намояд, наҷотро ҳамчун туҳфа қабул кунад, на ин ки бо иҷрои маросимҳо ё қонунҳо онро ба даст овардани шавад. Ақл ва виҷдони одамони бадахлоқ нопок шудааст. Фикрҳо ва принсипҳои ахлоқии онҳо фосид шудааст. Ва ин на масъалаи нопокшавии маросимӣ, балки нопокшавии дохилист.

**1,16** Дар бораи муаллимони дурӯғин, яъне яҳудиён, рӯйрост сухан ронда, Павлус менависад: *«Онҳо мегӯянд, ки Ӯро мешиносанд, лекин бо корҳояшон Ӯро инкор менамоянд».* Онҳо худро масеҳӣ вонамуд мекунанд, аммо корҳояшон ба изҳороташон мувофиқат намекунанд. Нафрати худро равшантар ифода карданӣ шуда, Павлус ин одамонро *зишткор ва беитоат* меномад, ки *ба ҳеҷ кори нек қобил нестанд.* Рафтори онҳо нафратовар аст. Дар назари Худо ин беитоатии дағалона буд. Онҳо ба амали нек қобил набуданд – на барои Худо, на барои одамон. Оё дар суханони Павлус муҳаббати масеҳӣ нисбати ин гуна одамон буд? Албатта, ҳа! Муҳаббат аз гуноҳ чашм намепӯшад. Ин одамон Хушхабарро вайрон мекарданд, Худованд Исоро, Шахсияти Ӯро ва кори Ӯро беобрӯ менамуданд, ва ҷонҳои одамонро ба иштибоҳ меандохтанд. Мусоҳилакорӣ нисбати ин гуна одамон – гуноҳ кардан аст.

## IV. ВАЗИФАҲО ДАР ҶАМОАТ (2,1-15)

**2,1** Ҳаёти муаллимони дурӯғин назар ба шаҳодати неки имон бештар ба таҳқири имон мувофиқат мекард. Онҳо бо рафтори худ ҳақиқатҳои бузурги имонро рад мекарданд. Кӣ метавонад зарари ба масеҳият мерасонидаи онҳоеро баҳо диҳад, ки дар сухан покии бузургро пайравӣ мекарданд, аммо дар дурӯғ зиндагӣ мекарданд? Вазифаи Титус, ва низ ҳамаи хизматгорони Худованд, – *мувофиқи таълимоти солим* таълим додан аст. Вай мебоист номувофиқии даҳшатовари байни суханони халқи Худо ва ҳаёташонро бартараф менамуд. Дар асл ин фикри асосии ин нома аст – истифодаи амалии таълимоти солим дар корҳои нек. Оятҳои оянда онро баён мекунанд, ки ин корҳо бояд чӣ гуна бошанд.

**2,2** Аввалан, гап дар бораи *пирамардон* меравад, – на усқуфон ба маънои расмӣ, балки мардони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ақлӣ болиғ. Онҳо бояд *ҳушёр* бошанд. Асосан маънои ин сухан эътидол дар истеъмоли май аст, аммо ба мулоҳизакорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт низ дахл дорад. Онҳо бояд *соҳибэҳтиром,* шоиста бошанд, аммо, илтимос, на бадқавоқ! Ҳар кас мушкилоти зиёди худро дорад. Пирамардон бояд *боандеша* бошанд, яъне вазнин ва эҳтиёткор. Онҳо бояд *дар имон солим* бошанд.

Бо гузашти солҳо баъзе касон дағал, дуруштмуомила, беор мешаванд. Аммо касе ки *дар имон солим* аст, – шукргузор, зиндадил ва ҳамсуҳбати хуб аст. Онҳо бояд *дар муҳаббат солим* бошанд. Муҳаббат худхоҳ нест, он дар бораи дигарон фикр мекунад ва дар ато кардан ба дигарон зоҳир мешавад. Онҳо бояд дар *сабр* қавӣ бошанд. Бо гузаштани солҳо нотавониҳо ва беқувватиҳо меоянд, ки бо онҳо муросо кардан душвор аст. Касе ки дар сабр солим аст, метавонад душвориҳоро бо шукргузорӣ ва қувваи рӯҳ таҳаммул намояд.

**2,3** Пиразанон низ бояд *рафтори ба муқаддасон муносиб* намоянд. Худо нигоҳ дорад аз занони сабукфикр, ки андешаҳояшон ба чизҳои беҳуда нигаронида шудааст! Онҳо набояд *ғайбаткунанда* бошанд. Калимае ки Павлус ин ҷо ба кор мебарад, муодили юнонии калимаи «иблис» («диаболос») аст. Ин калима бамаврид аст, чунки ғайбат аз ҷиҳати сарчашма ва таъсири худ иблисона аст. Онҳо набояд бандаи бадмастӣ бошанд. Амалан онҳо бояд ба ҳеҷ гуна хӯрданӣ, нӯшокӣ ва ё дору банда нашаванд. Дар ҳоле ки ба ҷо овардани хизматгузории ҷамъиятӣ дар Ҷамоат ба онҳо иҷозат дода нашудааст, пиразанон бояд дар хона таълим диҳанд. Имкониятҳои ин гуна хизматгузорӣ бағоят васеъ ҳастанд.

**2,4** Пиразанон махсусан бояд *ба ҷавонзанон ёд диҳанд*. Солҳои зиёди бо омӯзиши Навиштаи Муқаддас гузашта, донишҳои амалӣ ба онҳо имкон медиҳанд, то ин арзишҳоро ба онҳое диҳанд, ки акнун зиндагии худро сар мекунанд. Вагарна ба ҳар як насли нав лозим меояд, ки ҳама чизро бо роҳи душвор, бо такрори хатоҳои гузашта омӯзад.

Дар ҳоле ки нақши насиҳат ба *пиразанон* вогузошта шудааст, ҷавонон бояд кӯшиш кунанд, ки бо масеҳиёни тақводори калонсол муносибатҳои хуб барқарор намоянд, то дар вақти даркорӣ маслиҳати хуб ва сарзаниш бигиранд.

Ҷавонзан бояд таълим гирад, ки *шавҳари худро* чӣ гуна бояд *дӯст дорад*. Ин аз бӯсидани шавҳар ҳангоми ба кор равона шудани ӯ хеле бештар аст. Он бисёр воситаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки тасдиқ мекунанд, ки вай ҳақиқатан шавҳарашро ҳурмат мекунад: вай сарварии ӯро дар хона эътироф мекунад, бе вай қарорҳои муҳим қабул намекунад, дар хона тартиброр нигоҳ медорад, ба намуди зоҳирии худ аҳамият медиҳад, мувофиқи даромад зиндагӣ мекунад, фавран ба хатоҳояш иқрор мешавад, меҳрубонона мебахшад, доим барои мушоракат омода аст, дар назди ҳозирон аз танқид ё зиддият ба шавҳар канораҷӯӣ мекунад ва дар вақти душворӣ ӯро дилбардорӣ мекунад.

Онҳо бояд чӣ гуна *дӯст доштани кӯдакони худро* ёд гиранд – ҳамроҳи онҳо китоб хонанд ва дуо гӯянд, ҳангоми аз мактаб баргаштани онҳо дар хона бошанд, онҳоро бо қатъият ва одилона интизомнок кунанд, онҳоро на барои ҷаҳон ва дӯзах балки барои хизмат ба Худованд тарбия намоянд.

**2,5** Ҷавонзанон бояд *боандеша* буданро ёд гиранд, яъне онҳо бояд хуб фаҳманд, ки чӣ чиз барои онҳо ҳамчун барои масеҳиён қобили қабул аст, ва бидонанд, ки чӣ гуна аз ифрот канораҷӯӣ кардан мумкин аст. Онҳо бояд *пок,* ба шавҳар вафодор бошанд, аз нопокӣ дар фикр, сухан ва ё амал ҳазар кунанд. Онҳо бояд *ғамхори хона* бошанд ва дарк кунанд, ки ин гуна

хизмат ба Худо ҷалол меорад. Пиразанон бояд ба онҳо муносибати боэҳтиромонаро нисбати кори хона талқин намуда, ёд диҳанд, ки вай ҳамчун зан ва модар барои Худованд бештар хизмат мекунад, назар ба ин ки дар истеҳсолот ё соҳибкорӣ кор карда, хона ва оиларо сарфи назар кунад.

Ҷавонзанон бояд *меҳрубонӣ,* барои дигарон зистан, хушмуомилагӣ ва саховатмандиро ёд гиранд, на ин ки худпарастӣ ва хасисиро. Онҳо бояд ба шавҳар *фармонбардор бошанд* ва дарк намоянд, ки шавҳар сарвари оила аст. Агар зан аз шавҳар фаъолтар ва болаёқатттар бошад, вай набояд худро аз ӯ болотар ҳис кунад, балки ӯро рӯҳбаланд карда, ёрӣ диҳад, то ӯ дар хизмати ҷамоати маҳаллӣ ва дар хонаи худ фаъолтар шавад. Агар зан нисбати шавҳар ба васвасаи айбҷӯӣ афтад, бояд ба васваса муқобилат намуда, баръакс, шавҳарро таъриф кунад. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки *дар ҳаққи Каломи Худо бадгӯӣ карда шавад.* Дар ин нома Павлус бисёр вақт зикр мекунад, ки ҳаёти ихтилофноки масеҳиён боиси таънаҳо ба Худованд мегардад.

**2,6** Павлус ба Титус нафармудааст, ки вай ҷавонзанонро таълим диҳад. Ин хизмат аз рӯи эҳтиёт ба пиразанон вогузор шудааст. Аммо Титус мебоист *ҷавононро насиҳат менамуд,* хусусан дар он ки онҳо бояд *боандеша бошанд* ва худро идора кунанд. Дуруст мегӯянд, ки ҷавонӣ вақти ҷуръатнокии махсус, қувваи беинтиҳо ва шавқу рағбатҳои пурҳарорат аст. Маҳз барои ҳамин онҳо бояд худдорӣ ва ботамкиниро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти худ ёд гиранд.

**2,7** Павлус барои худи Титус низ маслиҳатҳо дошт. Титус, ки ба хизмат дар ҷамоатҳо таъйин шуда буд, мебоист барои ҳама *намунаи корҳои нек* мебуд. Таълим бояд бо рафтор мухолифат надошта бошад. Ин таълим бояд *содиқона, ҷиддӣ ва самимона* бошад. *Садоқат* дар назар дорад, ки таълим бояд бо имоне ки замоне ба муқаддасон дода шудааст, мувофиқат намояд. Павлус оид ба *ҷиддият* чун оид ба таълиме сухан меронад, ки бояд боэҳтиромона ва боақлона бошад. *Самимият* сифатест, ки онро бисёр тарҷумаҳои ҳозиразамон сарфи назар мекунанд ва он бояд ба муаллими самимие хос бошад, ки вайро аз роҳи ҳақиқат гумроҳ кардан имкон надорад.

**2,8** *Каломи солим ва беайб* аз ҳама гуна сабаб барои эътироз озод аст. Он бояд аз мавзуъҳои номуҳим, навигариҳои таълимӣ, ғароибот, дуруштиҳо ва чизи ба ин монанд озод бошад. Ин гуна хизмат раднопазир аст. Онҳое ки ба таълими солим мухолифат мекунанд, шармсор хоҳанд шуд, зеро дар зиреҳи куллии имондор ҷои сустро ёфта наметавонанд. Ҳеҷ далеле беҳтар аз ҳаёти пок нест!

**2,9** Акнун ба ғуломон фармонҳои махсусе дода мешаванд. Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки Навиштаи Муқаддас мавҷудияти вазъияту қоидаҳоеро эътироф мекунад, ки на ҳамеша бо онҳо розист. Масалан, дар Аҳди Қадим оид ба бисёр нахустпадароне гуфта мешавад, ки бисёр зан доштанд, агарчи зани бисёр доштан ҳеҷ гоҳ хости Худо барои халқи Ӯ набуд. Худо ҳеҷ гоҳ беадолатӣ ва бераҳмии ғуломдориро таҳсин намекард, ва дар рӯзи меомада соҳибон барои ин дар назди Ӯ ҷавоб хоҳанд дод. Дар айни ҳол Аҳди Нав барои озодкунии ғуломон ба инқилоб даъват намекунад. Аниқтараш, бераҳмии ғуломдориро он бо қувваи Хушхабар маҳкум ва бартараф мекунад. Таърих нишон медиҳад, ки дар ҳама ҷое ки Каломи Худо васеъ мавъиза карда мешуд, бераҳмӣ ва нуқсонҳои ғуломдорӣ барҳам мехӯрданд.

Дар ҳар ҷое ки ғуломдорӣ дар замони мо ҳам боқӣ мондааст, ғулом аз ҳама чизи беҳтарин дар масеҳият маҳрум нест. Вай метавонад шоҳиди қувваи дигаргункунандаи Масеҳ шавад, вай метавонад таълимоти Наҷотдиҳандаи мо Худоро зебу оро диҳад. Аҳди Нав ба ғуломон аз ҳокимони халқҳо дида ҷои бештаре медиҳад! Ин далели аҳамиятнокии онҳо дар Подшоҳии Худост. Ғуломон-масеҳиён бояд *фармонбардор бошанд,* ба истисноии ҳолатҳое ки итоат боиси беитоатӣ ба Худованд мегардад. Дар ин ҳолат онҳо бояд итоат накунанд, ва чунон ки шоистаи масеҳиён аст, натиҷаҳояшро босаброна таҳаммул кунанд. Онҳо бояд ҳамаҷиҳата ба талабот ҷавобгӯ бошанд, яъне ҳам сифатан ва ҳам миқдоран фоиданок бошанд. Агар онҳо ҳамаи корҳоро чун барои Худованд ба ҷо оранд, Ӯ ба онҳо мукофот хоҳад дод. Онҳо набояд *эътироз* кунанд ва – бетаҳаммул бошанд. Бисёр ғуломон дар рӯзҳои аввали масеҳият соҳибони худро ба шарофати он ба назди Худованд Исо оварданд, ки ҳаёти онҳо аз ҳаёти дигар ғуломон-бутпарастон фарқи куллӣ дошт.

**2,10** Фарқи калонтарин дар он буд, ки бар хилофи ғуломони дигар, онҳо *дуздӣ* намекарданд. Ахлоқи масеҳиёна аз онҳо поквиҷдониро талаб мекард. Боиси ҳайрат нест, ки ғуломон-масеҳиён дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ арзиши баландтар доштанд. Онҳо дар ҳама чиз зоҳир намудани *вафои некро* ёд гирифта буданд. Ба онҳо пурра боварӣ кардан мумкин буд, ва маҳз бо ҳамин, яъне бо тамоми ҳаёт ва хизматашон онҳо *таълимоти Наҷотдиҳандаи мо Худоро аз ҳар ҷиҳат ороиш* медоданд. Он чи дар он давра барои ғуломон-масеҳиён ҳақиқат буд, имрӯзҳо бояд барои меҳнаткашон-масеҳиён низ ҳақиқат бошад.

**2,11** Чор ояти оянда тасвири олидараҷаи наҷоти моро медиҳанд. Аммо, аз ин гавҳар ба ваҷд омада, мо набояд онро аз чанбарак ҷудо кунем. Павлус таъкид мекард, ки рафторҳои аъзоёни оилаи Худо бояд муттасил бошанд. Акнун вай мегӯяд, ки яке аз мақсадҳои наҷоти мо дар покии бенуқсон зистан аст.

*Зеро файзи Худо зоҳир шудааст.* Дар мавриди додашуда таҳти *файзи Худо* Писари Худо дар назар дошта шудааст. Файзи Худо ҳангоме *зоҳир шуд,* ки Худованд Исо ба сайёраи мо омад, хусусан вақте ки Ӯ Худро барои гуноҳҳои мо дод. Ӯ барои наҷот додани *ҳамаи одамон* зоҳир шуд. Қурбонии ивазкунандаи Ӯ барои наҷоти *ҳама* кофист. Ба ҳама бахшидашавии ройгон пешниҳод карда мешавад. Аммо танҳо онҳое ки Ӯро чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул мекунанд, наҷот ба даст меоранд. Дар ин ҷо ва дар ҳама ҷойҳои дигари Навиштаи Муқаддас шумо ягон чизи тасдиқкунандаи онро пайдо намекунед, ки дар охир ҳама наҷот хоҳанд ёфт. Наҷоти умумӣ дурӯғи иблис аст.

**2,12** Файзе ки моро наҷот медиҳад, низ дар мактаби покшавӣ ба мо таълим медиҳад. Ин мактабест, ки дар он чунин гуфтанро ёд медиҳанд: «Не ва не». Аввалан, «не» ба *худонотарсӣ,* ва ё беимонӣ. Сониян, ба *майлҳои дунявӣ* – на танҳо ба гуноҳҳои ҷинсӣ, балки низ ба ҳирси сарват, ҳукмронӣ, лаззатҳо, шуҳрат ва ё ҳар чизе ки дунявист.

Ҷиҳати мусбати таълими файз – дар робита бо дигарон *андешамандона, росткорона* ва дар нури поки ҳузури Ӯ *худотарсона зиндагӣ кардан* аст. Дар ҷаҳоне ки ҳамаи меъёрҳо бекор карда мешаванд, маҳз ҳамин чиз бояд моро тавсиф диҳад. Ин дунё на хонаи доимии мо, балки танҳо ҷои мусофирати мост.

**2,13** Дар ин ҷаҳон чун мусофирон зиста, мо бо *умеди* олидараҷае рӯҳбаланд ҳастем – *зоҳиршавии ҷалоли Худои азим ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ.* Оё бо ин гуфтаҳо вақти ба осмон гирифта шудани Ҷамоат дар назар дошта шудааст (1Тас. 4,13-18)? Ё ин ҷо дар хусуси барои подшоҳӣ бозгаштани Масеҳ гуфта шудааст, ки он вақт Ӯ ба ҷаҳон дар ҷалол зоҳир шуда, мухолифонашро мағлуб мекунад ва Подшоҳии Худро барпо мекунад (Ваҳй 19,11-16)? Мо бовар мекунем, ки Павлус оид ба аввалӣ мегӯяд, яъне оид ба бозомадани Масеҳ барои Арӯси Худ, Ҷамоат. Новобаста ба он ки ин чӣ маъно дорад – бозомадани Ӯ ҳамчун Домод ва ё ҳамчун Подшоҳ, имондор бояд тайёр ва интизори *зоҳиршавии ҷалоли* Ӯ бошад.

**2,14** Дар интизори бозомадани Ӯ мо набояд мақсади омадани якуми Ӯ ва фидокории Ӯро фаромӯш кунем. Ӯ *Худро* на танҳо барои он *фидо кард,* ки моро аз шармандагӣ ва ҷазои гуноҳ наҷот диҳад, балки ҳамчунин барои он ки моро *аз ҳар бадӣ халосӣ диҳад.* Агар Ӯ ҷазо барои гуноҳро бекор мекард, ва ҳукмронии он дар ҳаёти мо собит мемонд, наҷоти мо нимкола ба ҷо оварда мешуд.

Ӯ ҳамчунин Худро барои он фидо кард, то *барои Худ қавми махсусе пок намояд.* Бисёр вақт мо ҳамчун халқи махсус рафтор мекунем, аммо на ба он маъное ки Худованд муқаррар кардааст! Ӯ на аз боиси он баҳри мо мурд, ки мо одамони аҷоиб бошем ва ё густохона рафтор намоем. Ӯ мехоҳад, то мо *қавме* бошем, ки на ба ҷаҳон ва ё ба худ, балки ба маънои махсусе ба Ӯ тааллуқ дорад. Ӯ *Худро барои мо фидо кард,* то ки мо *дар корҳои нек ғайратманд* бошем. Мо бояд кӯшиш кунем, ки ба номи Ӯ ва барои ҷалоли Ӯ корҳои нек кунем. Оид ба он андеша намоед, ки одамон ба хотири варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ чӣ гуна ғайрат зоҳир менамоянд. Мо бояд бо ҳамин гуна ғайрат барои кардани корҳои нек саъй намоем.

**2,15** *«Ин»* он чизест, ки ба Титус барои таълим додан дода шуда буд, ҳамаи он чи дар оятҳои пештара гуфта шуда буд, хусусан он чи ба мақсади азобҳои Наҷотдиҳандаи мо дахл дорад. Титус мебоист масеҳиёнро ба ҳаёти амалан парҳезгорона *насиҳат* ё водор мекард, ва ҳар касеро, ки ба таълимоти расул дар сухан ва ё дар ҳаёт мухолифат менамуд, *сарзаниш*

мекард. Вай набояд барои чунин қатъият дар хизмат бахшиш пурсад; вай бояд инро *бо тамоми қудрат* ва ҷуръат аз Рӯҳулқудс кунад. *То ки ҳеҷ кас туро хор нашуморад.* Титус намебоист аз синну солаш, аслу насаби ғайрияҳудияш ва ё ягон белаёқатии табиияш шарм медошт. Ӯ Каломи Худоро мегуфт, ва ин аз ҳама чизи дигар фарқ дошт.

## V. ПАНДДИҲӢ ДАР ҶАМОАТ (3,1-11)

**3,1** Титус ҳамчунин мебоист ба масеҳиён дар ҷамоатҳои Крит оид ба масъулияташон дар назди ҳукуматдорон *ёдрас* мекард. Масеҳиён эътироф мекунанд, ки ҳамаи ҳокимиятҳо аз тарафи Худо барпо карда шудаанд (Рум. 13,1). Ҳукумат метавонад ғайримасеҳӣ ва ҳатто зиддимасеҳӣ бошад, аммо ҳар гуна ҳукумат аз набудани он беҳтар аст. Набудани ҳокимият анархия номида мешавад, ва одамон дар ин гуна сохт муддати зиёд вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳатто агар ҳоким шахсан Худоро нашиносад ҳам, бо вуҷуди ин вай ба мартабаи расмии худ «аз тарафи Худо муқаррар карда шудааст», бинобар ин ба вай бояд рафтори шоиста намуд. Масеҳиён бояд *ба сарварон ва ҳукуматдорон* итоаткор бошанд. Аммо агар ҳукуматдорон аз қоидаҳои муқарраркардаи Худо дур шаванд, масеҳӣ бояд ба онҳо итоат накунад, ва принсиперо ба асос гирад, ки дар Амалҳо 5,29 баён шудааст: «Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод». Агар вайро ҷазо диҳанд, вай бояд ҷазоро бо фурӯтанӣ, чун барои Худованд, қабул намояд. Вай набояд бар зидди ҳукумат бархезад ё бо одамоне ҳамроҳ шавад, ки сохти мавҷударо бо роҳи зӯроварӣ дигар карданӣ мешаванд.

---

### МАСЕҲӢ ВА ҶАҲОН

Масеҳиён бояд қонунҳоро риоя намоянд, ки ин риояи қоидаҳои ҳаракати нақлиётро низ дар бар мегирад, ва сари вақт мувофиқи тартиби муқарраршуда андозҳо ва пули суратҳисобҳоро пардозанд. Онҳо бояд қоидаҳоро эҳтиромона ва итоаткорона риоя кунанд. Аммо се соҳае ҳаст, ки ақидаҳои масеҳиён оид ба масъулияташон бо ҳам мувофиқат намекунанд. Инҳо масъалаҳои интихобот, амалӣ гардондани ҳуқуқи интихобшавӣ ба вазифаҳои давлатӣ ва иштирок дар хизмати ҳарбӣ бо силоҳ мебошанд. Дар мавриди дутои аввал Навиштаи Муқаддас принсипҳои асосии зеринро барои ёрии мо пешниҳод мекунад:

1. Масеҳиён дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, аммо онҳо аз ин ҷаҳон нестанд (Юҳ. 17, 14.16).
2. Тамоми системаи ҷаҳонӣ дар дасти шайтон аст ва бинобар ин аз тарафи Худо маҳкум карда шудааст (1Юҳ. 5,19; 2,17; Юҳ. 12,31).
3. Вазифаи масеҳиён на дар он аст, ки ин ҷаҳонро беҳтар кунанд, балки одамонро аз он наҷот диҳанд.
4. Агарчи масеҳӣ, бешубҳа, шаҳрванди ягон давлат дар замин аст, шаҳрвандии аслии вай дар осмонҳост; вай бояд худро дар ин ҷаҳон мусофир ва ғариб ҳисобад (Фил. 3,20; 1Пет. 2,11).
5. Ҳеҷ гуна сарбоз, агар сипаҳсолори худро норозӣ кардан нахоҳад, худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад (2Тим. 2,4).
6. Худованд Исо гуфтааст: «Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест» (Юҳ. 18,36). Мо, ҳамчун намояндагони Ӯ, бояд ин ҳақиқатро ба ҷаҳон зоҳир намоем.
7. Сиёсатмадорон аз рӯи табиати худ ба бадахлоқӣ ва ришвахӯрӣ тамоюл доранд. Масеҳиён бояд аз гуноҳ ҷудо шаванд (2Қур. 6,17.18).
8. Масеҳӣ дар интихобот одатан барои шахси поквиҷдон ва боинсоф овоз медиҳад. Аммо баъзан хости Худо дар он аст, ки одами пасттаринро пешбарӣ намояд (Дон. 4,17). Мо дар ин гуна ҳолатҳо чӣ тавр иродаи Худоро донista ва иҷро карда метавонем?

Боз як савол: Оё масеҳӣ вазифадор аст ба ҷанг равад, вақте ки кишвар инро фармон медиҳад? Аз ҳар ду тараф мо далелҳои асоснокро мешунавем, аммо ба ман чунин менамояд, ки беҳтар он аст, ки дар амалиёти ҳарбӣ иштирок накунем. Он чи дар боло зикр шуд, қисман ба савол ҷавоб медиҳад, аммо ба он чизе илова кардан мумкин аст: 1) Худованди мо гуфтааст: «Агар Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон мебуд, мулозимони Ман меҷангиданд» (Юҳ. 18,36); 2) Ӯ ҳамчунин гуфтааст: «Ҳар кӣ шамшер кашад, ба шамшер кушта шавад» (Мат. 26,52); 3)

Ва умуман, фикри аз ҷон маҳрум кардани одам мухолифи таълимоти Он Касест, ки гуфтааст: «Душманони худро дӯст доред» (Мат. 5,44).

Касоне ки аз силоҳ даст мекашанд, бояд бо шукргузорӣ қабул кунанд, агар дар кишварашон аз боиси виҷдон даст кашидани онҳо аз хизмати ҳарбӣ фақат ба қайд гирифта шавад ва ё он бо адои хизмати ҳарбӣ бе силоҳ ё бо хизмати иҷтимоӣ иваз карда шавад.

Аммо бояд зикр намуд, ки бисёр масеҳиён бошарафона дар артиш хизмат мекарданд. Онҳо зикр мекунанд, ки Аҳди Нав оид ба мирисадҳо (мас. Корнилюс ва Юлиус) сухан ронда, онҳоро аз ҷиҳати хеле хуб нишон медиҳад. Ҳамчунин аз ҳаёти ҳарбӣ баъзе нигоришҳо гирифта шудаанд, ки муборизаи рӯҳониро дар ҳаёти масеҳиёна тасвир мекунанд (Эфс. 6,10-17). Агар хизмати ҳарбӣ дар асли худ нодуруст мебуд, тасаввур кардан душвор мебуд, ки Павлус моро даъват карда тавонад, ки «сарбозони неки Исои Масеҳ» бошем. Новобаста ба он ки тарафдори кадом ақида ҳастем, мо набояд касонеро, ки бо мо ҳамфикр нестанд, маҳкум кунем. Дар ин бора ҳар гуна ақидаҳо ҳаққи мавҷудият доранд.

---

Вазифаи дигари шогирд-масеҳӣ он аст, ки *барои ҳар кори нек тайёр бошад*. На ҳамаи корҳо шоистаанд. Бисёр эълонҳо ва рекламаҳои ҳозира дар асоси дурӯғ сохта шудаанд. Баъзе доираҳои соҳибкорӣ махсулотеро мефурӯшанд, ки ба саломатии рӯҳонӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии одам зарар мерасонанд. Бо виҷдони пок ҳатман аз ин гуна шуғлҳо канора ҷустан лозим аст.

**3,2** Масеҳӣ бояд *дар ҳаққи ҳеҷ кас бадгӯӣ накунад*. Навиштаи Муқаддас махсусан оид ба ҳокимон бадгӯӣ карданро манъ мекунанд (Хур. 22,28; Аъм. 23,5) ва ба ҳамаи масеҳиён амр мефармояд, ки дар вақти маъракаҳои сиёсӣ, фишорҳо ва таъқибот инро дар ёд дошта бошанд. Аммо ин суханон ҳамчунин ҳамаи одамонро аз тамасхур, бадгӯӣ, таҳқир, алфози қабеҳ ҳифз мекунанд. Агар масеҳиён ба қоидаи одии зерин итоат кунанд, аз ранҷишҳо ва мушкилоти зиёде эмин будан мумкин аст: *дар ҳаққи ҳеҷ кас бадгӯӣ* накунед!

Мо бояд *ҷангара набошем,* аз ҷанҷолҳо канорагирӣ кунем. Барои ҷанҷол ҳатман ду нафар лозиманд. Ҳангоме касе доктор Айронсайдро аз боиси масъалаи камаҳамияте дар мавъизааш музтариб карданӣ буд, вай ҷавоб дод: «Хуб, бародари азиз, ҳангоме ки мо дар осмонҳо мешавем, ноҳақ будани яке аз мо маълум хоҳад шуд ва, шояд, ин ман хоҳам буд». Ин гуна рӯҳия ҳама гуна мубоҳисаҳоро ба охир мерасонад.

Мо бояд *меҳрубон* бошем. Оид ба ин ҷиҳати хислат бе ёдоварии Худованд Исо муҳокима рондан душвор аст. Ӯ ҳалим, меҳрубон, фурӯтан ва сулҳҷӯй буд. Ва мо бояд *ба ҳамаи одамон бо камоли нармдилӣ* (ё «бо адаб») рафтор намоем. Адаб чунон муҳим аст, ки онро чун яке аз некӯкориҳои масеҳӣ ёд додан лозим аст. Дар асл он маънои дигаронро ба ҷои аввал гузошта, бо онҳо муносибати эҳтиромона намудан ва ҳам дар суҳбат ва ҳам дар амал раҳмдилӣ зоҳир намуданро дорад. Фурӯтанӣ пеш аз он ки ба худ хизмат кунад, ба дигарон хизмат мекунад. Он ҳама гуна имкониятро ба кор мебарад, то ягон ёрдаме расонад, ва ҳамеша барои меҳрубонӣ ташаккур мегӯяд. Он дағал, дурушт, таҳқиромез нест.

**3,3** Расул боз як бори дигар, аммо акнун дар қисми ахлоқии равшан ифодаёфта таълимотро оид ба наҷоти мо баён мекунад, ва таъкид мекунад, ки мақсади наҷот – корҳои некро ба ҷо овардан аст. Тартиби баён кардан чунин аст: 1) ҳолати мо пеш аз наҷот (о. 3); 2) табиати наҷоти мо (о. 4-7); 3) натиҷаҳои наҷоти мо (о. 8). Тасвири илоҳии ҳолати мо то наҷотёбӣ тамоман таҳсиномез нест. Агарчи мо изҳор мекардем, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоб дорем, дар асл дар қабули ҳақиқатҳои рӯҳонӣ ва дар он чи афзал мешумурдем ва ҳам дар қарорҳоямон *бефаҳм* будем. Мо ба Худо ва, аз афташ, ба волидон ва дигар ҳукмдорон низ *беитоат* будем. Мо ба сабаби амали шайтон ва фикрронииҳои вайроншудаи худ *гумроҳ* будем, ҳамеша роҳи дурустро гум карда, ба роҳи сарбаста медаромадем. Ҳар гуна гуноҳҳо содир намуда, *бандагони ҳавасҳо,* одатҳои ифлос, фикрҳои бад будем. Ҳаёти мо гирдгардони доимии *ҳасад ва нафрат* буд. Дӯст дошта натавониста, худписанд буда, мо тоқатфарсо будем ва дигаронро низ ҳамин гуна менамудем. *Нафратзадаи дигарон буда, аз якдигар нафрат доштем.* Ҷӣ гузориши аламовар оид ба зиндагонии ҳамсояҳои серғурбат, ҳамкорон-рақибон, соҳибкороне ки «ба гулӯи ҳамдигар дандон

мезананд» ва оилаҳое ки дар душманӣ зиндагӣ мекунанд!

**3,4** Тасвири даҳшатовари таназзули инсон бо яке аз «аммо»-ҳои бузурги Навиштаи Муқаддас қатъ мешавад. Мо бояд барои ин калимаҳои хурдакаке миннатдор бошем, ки амали бузурги Худоро тасвир мекунанд, ки дар лаҳзаи ҳалкунанда инсонро ба таври ҳайратовар аз худнобудкунӣ халос мекунад! Касе онҳоро як навъ монеаи Худо дар пеши роҳи одам сӯи дӯзах номидааст.

*Аммо вақте ки меҳрубонӣ ва инсондӯстии Наҷотдиҳандаи мо Худо зоҳир шуд ...* Ин бист аср пеш воқеъ шуда буд, вақте Худованд Исо ба ин ҷаҳон омад. Аз тарафи дигар, файз ва муҳаббати Худо ба мо вақте *зоҳир шуд,* ки мо наҷот пайдо намудем. Ин зоҳиршавии он ҳақиқатест, ки мегӯяд, Ӯ Писари дӯстдоштаи Худро мефиристад, то барои ҷаҳони гуноҳкорони беитоат бимирад. *Инсондӯстӣ* тарҷумаи калимаи юнонии «филантропия» аст. Он муҳаббат, раҳмдилӣ ва ҳамдардиро дар бар мегирад. Калимаҳои *«Наҷотдиҳандаи мо Худо»* оид ба Худо Падар, *Наҷотдиҳандаи мо,* мегӯянд ва дар назар доранд, ки Ӯ Писари Худро ба ҷаҳон ҳамчун қурбонӣ барои гуноҳи мо фиристод. Худованд Исо ҳамчунин *Наҷотдиҳандаи мо ва Худо* номида мешавад (2,13), зеро Ӯ нархи даркориро пардохт, то ки мо бахшида ва афв карда шавем.

**3,5** Ӯ моро аз айбдорӣ ва ҷазо барои ҳамаи гуноҳҳоямон – гузашта, ҳозира ва оянда – *наҷот дод.* Ҳангоме ки Наҷотдиҳанда мурд, ҳамаи онҳо гуноҳҳои оянда буданд, ва марги Ӯ ҳамаи онҳоро пӯшонид. Аммо ҳақиқати дастрастарин, равшантарини Хушхабар оид ба он ки наҷот бар *амалҳои росткорона* асос намеёбад, барои фаҳмиши инсон душвортарин аст. Ҳеҷ касе ба воситаи кӯшиши масеҳиёна зистан масеҳӣ нашудааст. Ва на одамони нек онҳое ҳастанд, ки ба осмон мераванд. Навиштаи Муқаддас доимо аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон бо амалҳо наҷотро ба даст оварда наметавонад (Эфс. 2,9; Рум. 3,20; 4,4.5; 9,16; Ғал. 2,16; 3,11). Инсон наметавонад худро бо амалҳои нек наҷот диҳад; дар назари Худо тамоми росткории вай чун либоси чиркин аст (Иш. 64,6). Вай бо кӯшиши ҳаёти масеҳиёна бурдан масеҳӣ шуда наметавонад, чунки вай қуввате надорад, ки масеҳиёна зиндагӣ кунад. Ва ба осмон на одамони хуб, чунон ки оид ба онҳо мегӯянд, равон мешаванд, балки танҳо гуноҳкороне ки бо файзи Худо наҷот ёфтаанд!

Наҷотро бо корҳои нек ба даст овардан имкон надорад. Онҳо натиҷаи наҷот мебошанд. Дар ҷое ки наҷоти ҳақиқӣ ҳаст, корҳои нек низ ҳастанд. Ҳамин тариқ, мо хондем, ки Худо *моро на мувофиқи амалҳои росткоронае ки мо мекардем, балки аз рӯи марҳамати Худ наҷот дод.* Наҷот на амали доварии одилона, балки амали *марҳамат* аст. Доварии одилона ҷазои сазоворро металабад; аммо *марҳамат* имконияти дар асоси боинсофона аз ҷазо барканор шуданро медиҳад.

Худо моро *ба воситаи шустушӯи таваллуди дубора* наҷот дод. Бозгашт намудан воқеан офариниши нав аст (2Қур. 5,17); дар ҳолати додашуда *шустушӯ* маънои аз нав зода шуданро дорад. Ҳангоме Худованд Исо ба расулон мегуфт, ки танҳо як *шустушӯи* зодашавии дубора ҳаст, аммо *шустушӯҳои* покшавӣ аз ифлосӣ бисёранд, худи ҳамон тимсолро истифода бурд (Юҳ. 13,10). Ин *шустушӯи* зодашавии дубора бо ғӯтаи обӣ ягон муносибате надорад. Ва ин ҷо на *шустушӯи* ҷисмонӣ дар назар дошта шудааст, балки *шустушӯи* ахлоқӣ бо Каломи Худо (Юҳ. 15,3). Ғӯта ҳатто рамзи ин *шустушӯ* нест, он тимсоли бо Масеҳ ба марг дафн шудани мост (Рум. 6,4).

Оид ба аз нав зода шудани мо ҳамчун оид ба *навшавие* гуфта мешавад, *ки аз Руҳулқудс аст.* Рӯҳи Худо дигаргуниҳои тасвирнопазире ба амал меорад. Вай на ба одами кӯҳна либоси нав мепӯшонад, балки ба либос одами навро меандозад! Рӯҳулқудс зодашавии навро ба амал меорад, Каломи Худо бошад асбоби Ӯст.

**3,6** Худо Рӯҳулқудсро *бар мо ба фаровонӣ бирехт.* Ҳар як масеҳӣ аз лаҳзаи зодашавии нав дар худ Рӯҳулқудсро дорад. Ва маҳз Рӯҳулқудс метавонад дигаргуниеро ба амал оварад, ки пештар зикр шуда буд. Рӯҳулқудс ба мо *ба воситаи Исои Масеҳи Наҷотдиҳандаи мо* ато шудааст. Ҳамон тавре ки фаровонии фиръавн ба оилаи Яъқуб ба шарофати Юсуф дастрас гардид, баракатҳои Худо низ, бо зимни баракатҳои тасвирнопазири Рӯҳулқудс, ба мо ба воситаи Худованд Исо дастрас шуданд, Исо «Юсуф»-и мост.

Ҳамаи се Шахсияти Ваҳдати Сегонаи пурбаракат ба наҷоти мо муносибат доранд: Худо Падар (о. 4), Рӯҳулқудс (о. 5) ва Худо Писар (о. 6).

**3,7** Натиҷаи фаврии зодашавии нави мо ин аст: *то ки мо, бо файзи Ӯ сафед шуда, аз рӯи умед ворисони ҳаёти абадӣ гардем.* Ба воситаи наҷоте ки дар Исои Масеҳ амалӣ гаштааст, Худо моро ба шарофати файзи аҷиб росткор меҳисобад. Ва мо *ворисони* ҳамаи он чи мешавем, ки Худо ба дӯстдорони Ӯ тайёр намудааст. Умеди мо ҳамаи он чизест, ки бо Масеҳ будан ва ба Ӯ монанд шуданро дар тамоми абадият дар бар мегирад.

**3,8** *«Ин сухан боварибахш аст»* гуфтани Павлус ба тамоми матн дахл дорад ё танҳо ба ояти пешина? Ҳақиқати далелҳои вай ин аст: Ба шарофати наҷоти бузург аз бадии бузург халосӣ ёфта, мо бояд муносиби унвони баланди худ зиндагӣ кунем.

Дар Крит хизматгузорӣ намуда, Титус мебоист дар гуфтаҳои оятҳои 1-7 исрор мекард, то ки *онҳое ки ба Худо имон овардаанд, дар фикри он бошанд, ки корҳои нек кунанд. Корҳои нек* ин ҷо машғулиятҳои боинсофона ва шоиста аст, агарчи маънои васеътари онҳо аниқтар хоҳад буд – амалҳои нек дар ҳама чиз. Таълимоте ки ба амалҳои муносиби парастиши имони масеҳӣ даъват мекунад, хеле *хуб ва фоиданок аст.* Ҳама гуна таълимот бояд дар ҳаёти имондор татбиқи амалии шахсӣ дошта бошад.

**3,9** Албатта, дар ҳаёти масеҳиён домҳое низ ҳастанд, ки аз онҳо канорагирӣ кардан лозим аст. Дар замони расул Павлус оид ба хӯроки пок ва нопок, қоидаҳои риояи рӯзи шанбе, оид ба риояи рӯзҳои пок *баҳсҳои аблаҳона* мавҷуд буданд. Оид ба *насабномаҳои* одамон ва фариштаҳо мунозираҳо бармехестанд. Мунозираҳо дар атрофи муқаррароте ки дертар ба шариат илова шуда буданд, авҷ мегирифтанд. Онҳо боиси нафрати Павлус мешуданд, чунки *бефоида ва ҳеҷу пуч* буданд.

Имрӯзҳо хизматгорони Худованд бояд ин маслиҳати расул Павлусро ба дил қабул кунанд, то ки аз ҷидолҳои зерин барканор бошанд:

- ғамхорӣ оид ба воқеияти зоҳирӣ, на ин ки рӯҳонӣ; масалан, мубоҳисаҳои дерина оид ба истифодаи май ё шарбати ангур, нони бехамиртуруш ё хамиртурушдор, як зарф ё зарфҳои зиёд, гӯё ки ин масъалаҳо дар Навиштаи Муқаддас аз ҳама муҳим бошанд;
- духӯрагии суханон;
- афзал шумурдани як ҳақиқат, ҳангоме танҳо ба як чиз диққат дода, ҳама чизи дигарро аз назар гум мекунанд;
- тафсирҳои маҷозии Навишта то андозае ки онҳо ба сафсата табдил меёбанд;
- хурдагирӣ дар илоҳиётшиносӣ, ки барои панддиҳии касе хизмат намекунад;
- аз Калом бероҳа шудан дар ҷустуҷӯи роҳҳои сиёсии давродавр ё дар баромадҳои масеҳиёна бар зидди ин ё он чиз.

Фоҷиаи бузургест, ки мо ин қадар вақти пурқиматро барои ҳамаи ин сарф мекунем, дар ҳоле ки ҷаҳон сӯи ҳалокат меравад!

**3,10** Шахсе ки аҳамияти чизи камаҳамиятро муболиға мекунад, *ҷудоиандоз* аст.[3] Дар ғижжаки вай одатан танҳо як тор ҳаст, ва ӯ то худи марг бо он менавозад. Ба зудӣ вай дар атрофи худ гурӯҳи одамони ҳамин ақидаи манфӣ доштаро ҷамъ мекунад, дигаронро бошад пеш мекунад. Вай бознамеистад, ҳатто агар ин боиси ҷудоӣ дар ҷамоат гардад. Ҳеҷ кадом ҷамоат набояд ба ин роҳ диҳад. Агар ин гуна одам баъди як ё ду огоҳӣ бознаистад, ӯро аз ҷамоати маҳаллӣ рондан лозим аст ва масеҳиён бояд аз муошират бо вай худдорӣ намоянд. Шояд, ин ӯро ба тавба ва фаҳмиши мавзунтари Каломи Худо меорад.

**3,11** Касе метавонад чунин ҳисобад, ки *чунин шахс* шоистаи диққат ё хавотиршавии ҷамоат нест; аммо расул ӯро шахсе меномад, ки *гумроҳ шудааст ва гуноҳ карда, худро маҳкум менамояд.* Рафтори вай на инъикоси хислати масеҳиёна, балки таҳрифи ҳақиқат аст. Вай фирқае ё ҳизбе таъсис дода, *гуноҳ* мекунад. Вай *худро маҳкум мекунад,* чунки ҳатто баъди огоҳӣ аз ҷониби масеҳиёни боэътибор дар амалҳои худ истодагарӣ мекунад.

## VI. ХУЛОСА (3,12-15)

**3,12** Нома бо якчанд фармоишҳо ба Титус ба анҷом мерасад. Павлус ба ёрии Титус ба Крит *Артемос ё Тихиқусро* фиристоданӣ буд. Мо бо *Тихиқус* аллакай вохӯрда будем (Аъм. 20,4; Эфс. 6,21; Кул. 4,7), аммо бо *Артемос* бори аввал вомехӯрем. Аз 2Тимотиюс 4,12 аён аст, ки *Тихиқус* на ба Крит, балки ба Эфесус фиристода шуда буд, бинобар ин, аниқтараш, дар Крит *Артемос* ивазкунанда буд. Баъди омадани вай Титус мебоист ба Никӯпӯлис мерафт, ки он ҷо

Павлус *зимистонро гузаронданӣ* буд. Дар он замон на камтар аз ҳафт шаҳр номи Никӯпӯлисро доштанд, аммо бисёрии тафсиркунандагон чунин меҳисобанд, ки Павлус шаҳреро интихоб намуд, ки дар ғарби Юнон, дар Эпир буд.

**3,13** Титус интизори меҳмонон буд – *Зеноси қонундон ва Апуллусро*. Эҳтимол, маҳз онҳо мактубро аз расул Павлус ба Титус оварданд. Он замон ду навъи қонундонҳо буданд: китобдонон, ки қонунҳои диниро мефаҳмонданд, ва адвокатҳо, ки бо корҳои шаҳрвандон машғул буданд. Ба мо ҳуқуқ дода шудааст, то қарор диҳем, ки Зенос ба кадом гурӯҳ дохил мешуд. Шахсан ман маънои якумро афзал медонам, ва тахмин мекунам, ки вай метавонист ба назди Титус барои он ояд, то дар масъалаи ҷидолҳо ва мубоҳисаҳо оид ба шариати Мусо ёрӣ диҳад (о. 9). Агар вай адвокати шаҳрвандӣ бошад, вай ба ҳар ҳол адвокати бовиҷдон буд! Ягона *Апуллуси* дигар, ки оид ба ӯ дар Инҷил мехонем, дар Амалҳо 18,24-28 ва 1Қуринтиён аст. Эҳтимол, ин ҳамон як шахс буд. Ин ду меҳмонро *«бо ғамхорӣ ба сафар тайёр намо, то ки аз ҳеҷ чиз камӣ надошта бошанд»* гуфта, Павлус ҳам оид ба меҳмоннавозӣ ҳангоми дар Крит будани онҳо ва ҳам оид ба сафари минбаъдаи онҳо мегӯяд.

**3,14** Титус мебоист масеҳиёни дигарро *(одамони мо)* таълим медод, ки меҳмоннавоз бошанд, оид ба беморон ва азобдидагон ғамхорӣ намоянд, нисбати муҳтоҷон дасткушод бошанд. На танҳо барои қонеъ кардани эҳтиёҷот ва хоҳишҳои худ кор кунанд, балки ҳамчунин нисбати пул назари масеҳиёна дошта бошанд, яъне аз он ба муҳтоҷон бидиҳанд (Эфс. 4,28). Ин онҳоро аз даҳшати худпарастӣ ва фоҷиаи ҳаёти бесамар халос мекунад.

**3,15** Хоҳишҳои хотимавиро камаҳамият ҳисобидан лозим нест. Дар он кишварҳое ки масеҳиён хеле каманд ва онҳо таъқиб карда мешаванд ва ё нисбати онҳо беэътиноӣ мекунанд, ин гуна суханон бо худ муҳаббат, дӯстӣ ва рӯҳбаландкунии зиёде меоранд. *Ҳамаи онҳое* ки ҳамроҳи расул буданд, ба Титус салом расонданд. Титус бошад, дар навбати худ, мебоист ба ҳамаи онҳое ки Павлус ва ҳамкоронашро *дар имон* дӯст медоранд, салом мерасонд. Номаи худро расул Павлус бо мавзӯе ба анҷом мерасонад, ки дар ҳаёти вай ҳукмфармо буд – *файзи* Худованд.

*Файз бо ҳамаи шумо бод. Омин.*

# Тавзеҳот

1. (1,1) Муфассалтар дар хусуси таълимот оид ба интихоби Худо ниг. Эфесусиён 1 ва Румиён 9.
2. (1,6) Бисёриҳо бовар мекунанд, ки сарвари ҷамъомад ҳуқуқи талоқро надорад, агарчи дигарон ин ҳуқуқро доранд.
3. (3,10) Калимаи «еретик» (бидъаткор) аз калимаи юнонӣ бармеояд ва маънояш «ҷудоиандоз» ё «хурдагир» аст. Шахсе ки дар ҷамоатҳо ҷудоӣ меандозад, одатан дурӯғро, ё таълимоти «бидъаткорона»-ро таълим медиҳад, аммо ин аллакай инкишофи дертари калимаи «ҳеретикос» аст.

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Номаи якум ба Тимотиюс нигаред.

# НОМА БА ФИЛЕМӮН

*Ҳақиқатан намунаи барҷастаи жанри иншоӣ.*
Эрнест Ренан

*Ҳамаи мо Онисимусҳои Ӯ (Худованд) ҳастем.*
Мартин Лютер

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Шояд, касе чунин меҳисобад, ки мо пурра метавонистем ин мактуби кӯтоҳакаки Павлусро сарфи назар кунем. Аммо онҳо иштибоҳ мекунанд. Пеш аз ҳама, ин нома мактуби аслии шахсии расул шинохта шудааст, ки аз умқи дили ӯ бармеояд. Ва аллакай ҳамин чиз ба он обуранги махсус медиҳад. Номаро баъзан ба мактуби ғайридинние монанд мекунанд, ки ба ҳамон мавзуъ – гурехтани ғулом бахшида шуда, аз тарафи нависандаи румӣ Плинийи Хурдӣ навишта шудааст. Номаи Павлус, ба ғайр аз зебоии санъати сухан, аз ҳамаи ҷиҳатҳо аз он афзалият дорад.

Дар ин Номаи кӯтоҳакак мо боодобӣ, назокат (бо омехтагии ҳазл) ва дили дӯстдори Павлусро мебинем. Агарчи дар он таълимот нест, ба шарофати хоҳиши Павлус: «Инро ба ман ҳисоб кун», он нигориши олидараҷаест ба таълим оид ба «гуноҳ ба дӯш гирифтан». Айнан ҳамон тавре ки қарз ва рафторҳои ношоями Онисимус ба Павлус ҳисобида шуданд ва нотавонии ғуломи гуреза бо имконияти пулдиҳии расул иваз карда шуданд, гуноҳҳои масеҳӣ низ ба ҳисоби Худованди мо гузаронида шуда, некӯиҳои наҷотдиҳандаи Исо ба ҳисоби масеҳӣ гузаронда шудаанд. Ҳайратовар нест, ки ислоҳотчии бузург Мартин Лютер навишта буд:

*Ин ҷо мо мебинем, ки Павлуси муқаддас ба хотири Онисимуси бечора тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дода, аз соҳиби вай илтиҷо мекунад, ки шафқат намояд; вай чунон рафтор менамояд, ки гӯё худаш Онисимус буда, ба Филемӯн зарар расонда бошад. Павлус дар назди Филемӯн ба хотири Онисимус ҳамон кореро мекунад, ки Масеҳ барои мо дар назди Худо Падар кард ... Ба ақидаи ман, ҳамаи мо Онисимусҳои Ӯ ҳастем.*[1]

### II. МУАЛЛИФӢ

Ҳама, ба истисноиi мунаққидоне ки ақидаи ниҳоят манфӣ доранд, Павлусро муаллифи Нома ба Филемӯн эътироф мекунанд. Гузашта аз ин, Ренан то дараҷае ба ин боварӣ дошт, ки маҷбур буд аз тарафи худаш қабул нашудани Нома ба Кулассиёнро, ки бо ин мактуб зич алоқаманд аст, зери шубҳа гузорад.

Азбаски ин нома хеле кӯтоҳ, ва илова бар ин хеле шахсӣ аст, ҳайратовар нест, ки он дар асарҳои масеҳиёни аввалин ин қадар кам иқтибос карда мешавад.

*Шаҳодати берунӣ:* Иқтибосҳо ва истинодҳо ба Нома ба Филемӯн дар асарҳои Игнатий, Тертуллиан ва Ориген ҳастанд. Евсевий мегӯяд, ки он ба қатори китобҳое медаромад, ки ҳамаи масеҳиён эътироф кардаанд («ҳомологоумена»). Он ба рӯйхати қонуни Мураторӣ дохил аст. Маркион низ онро ба «қонун»-и худ дохил кардааст.

*Шаҳодати дохилӣ:* Ҳатто дар чунин номаи кӯтоҳакак Павлус се бор худро номбар мекунад (о. 1.9.19). Оятҳои 2, 23 ва 24 бо Кулассиён 4,10-17 зич алоқаманданд; як мактуб оид ба аслӣ будани дигаре шаҳодат медиҳад. ҳамин тариқ, шаҳодатҳои берунӣ ва дохилӣ ягонагии ҳамоҳангро ташкил медиҳанд.

### III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Мактуб ҳамзамон бо Нома ба Кулассиён (тахминан соли 60-уми милодӣ) ё тахминан баъди

сӣ соли ба осмон рафтани Худованди мо фиристода шуда буд.

### IV. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Вазъияти пеш аз навишта шудани мактубро мо бо пайвастани мазмуни мактуб ва матни Номаи Павлус ба Кулассиён барқарор карда метавонем. Филемӯн, аз афташ, сокини Кулассо буд (муқоиса кунед Кул. 4,17 бо Филем. 2), ки ба василаи Павлус ба масеҳият рӯ оварда буд (о. 19). Яке аз ғуломони вай, Онисимус, гурехт (о. 15.16) ва шояд баъзе чизҳои соҳибашро бо худ гирифт (о. 18).

Гуреза дар Рум он вақте пайдо шуд, ки Павлус дар ҳабс буд (о. 9). Бо боварӣ гуфтан душвор аст, ки он вақт Павлус дар зиндон буд ва ё иҷозат дошт хонаеро ба иҷора гирад (Аъм. 28,30). Аз боиси силсилаи ҳайратовари ҳодисаҳо Онисимус дар ин шаҳри серодам бо Павлус вохӯрд ва ба шарофати хизмати вай назди Масеҳ омад (о. 10). Дар рӯзҳои минбаъда риштаҳои муҳаббати тарафайн боз ҳам мустаҳкам гаштанд (о. 12). Маълум шуд, ки Онисимус ёрдамчии хубест (о. 13). Аммо ҳар дуи онҳо ба хулосае омаданд, ки беҳтараш Онисимус ба назди Филемӯн баргардад ва зарари расондаашро талофӣ намояд. Павлус ба Филемӯн мактуб навишта, барои Онисимус шафоат мекард ва сабабҳои гуногунро номбар мекард, ки аз боиси онҳо соҳиб бояд ба ғулом ҳусни таваҷҷуҳи худро бозгардонад (о. 17). Дар худи ҳамин вақт Павлус ба кулассиён низ мактуб навишт. Супоридани онро расул ба Тихиқус вогузор намуда, ҳамроҳи вай Онисимусро ба Кулассо фиристод (Кул. 4,7-9).

Ин мактуб номаи шахситарини Павлус аст. Номаҳо ба Тимотиюс ва Титус низ ба шахсони муайян навишта шудаанд, аммо онҳо на ба корҳои шахсии мактубгирандагон, балки асосан ба ҳаёти ҷамоат бахшида шудаанд.

## Нақша

I. САЛОМУ ПАЁМ (1-3)
II. СИПОСГУЗОРИИ ПАВЛУС ВА ДУО ДАР ҲАҚҚИ ФИЛЕМӮН (4-7)
III. ДАРХОСТИ ПАВЛУС ОИД БА ОНИСИМУС (8-20)
IV. ХУЛОСА (21-25)

## Тафсир

### I. САЛОМУ ПАЁМ (1-3)

**Ояти 1** *Павлус* худро на чун расул, балки чун *бандӣ* муаррифӣ мекунад. Вай нуфузи худро ба кор бурда метавонист, аммо ба ҳамсуҳбаташ гӯё аз мавқеи номусоид муроҷиат мекунад. Аммо ин ҳолати пастро расул бо ҷалоли осмон зарҳалкорӣ намуд. Вай *бандии Исои Масеҳ* аст. Вай лаҳзае ҳам ба дараҷаи бандии Рум паст намефарояд! Назари вай на ба қайсар, балки ба Подшоҳи подшоҳон нигаронида шудааст. Ҳангоме ки вай мактуб менавишт, ҳамроҳаш *Тимотиюс* буд, бинобар ин расул номи ин шогирди бовафоро пас аз номи худ зикр мекунад, агарчи муаллифи нома, бешубҳа, худи Павлус буд.

Вай номаро асосан ба *Филемӯн* навиштааст. Ин ном маънои «дӯстдоранда»-ро дорад, ва вай, аз афташ ба номи худ пурра мувофиқат мекард, чунки Павлус ӯро *чун азиз ва ҳамкори мо* тасвир мекунад.

**Ояти 2** Азбаски *Апия* номи занона аст, бисёрии илоҳиётшиносон тахмин мекунанд, ки вай зани Филемӯн буд. Қисман ба вай дахлдор будани нома ба мо ёдрас мекунад, ки масеҳият занонро нексиришт мегардонад.[2] Дертар мо мебинем, ки он ғуломонро низ нексиришт мегардонад. Мувофиқи тахайюлоти муқаддасони зиёд *Архипус* писари Филемӯн аст. Ба ин боварии қатъӣ нест; аммо мо онро аниқ медонем, ки вай дар муборизаи масеҳӣ иштироки фаъолона дошт. Павлус ба вай унвони *ҳамсафро* сазовор медонад. Мо ӯро чун шогирди

вафодори Исои Масеҳ тасаввур карда метавонем, ки дар вай ғайрати муқаддас аланга мезад. Дар Нома ба Кулассиён Павлус ба вай диққати махсус медиҳад: «Ба Архипус гӯед: Бохабар бош, то он хизматеро, ки дар Худованд ба зиммаи худ гирифтаӣ, ба ҷо оварӣ» (Кул. 4,17).

Агар Филемӯн, Апия ва Архипус рамзи оилаи масеҳии Аҳди Нав бошад, пас ифодаи *«ҷамоате ки дар хонаи туст»* дар хотир симои *Ҷамоати* Аҳди Навро ҷилвагар месозад. Ин возеҳан ба он ишорат мекунад, ки *хонаи* Филемӯн барои гурӯҳи масеҳиён ҷои вохӯрӣ буд. Маҳз дар ҳамин ҷо онҳо барои ҳамду санои Худо, дуо ва омӯхтани Навиштаи Муқаддас ҷамъ меомаданд. Аз ин ҷо онҳо барои шаҳодат додан ба ҷаҳон рафтанд, ки агарчи хабари онҳоро бо меҳрубонӣ қабул намекунад, аммо ҳеҷ гоҳ онро фаромӯш карда наметавонад. Дар хонаи Филемӯн ҷамъ шуда, масеҳиён дар Масеҳ ягонагии комилро ташкил медоданд. Сарватмандон ва камбағалон, мардон ва занон, соҳибон ва ғуломон ҳама аъзоёни баробарҳуқуқи оилаи Худо буданд. Аммо ҳангоме ки онҳо ба ҳаёти ҳаррӯза бармегаштанд, фарқҳои вазъи иҷтимоии онҳо боз зоҳир мешуданд. Аммо, масалан, дар Шоми Худованд онҳо дар як зина меистоданд – дар зинаи коҳинони Худо. Филемӯн дар ҳеҷ чиз аз Онисимус афзалият надошт.

**Ояти 3** Таассуроте ҳосил мешавад, ки саломи маъмулии Павлус тимсоли ҳама чизи хубе гардид, ки вай барои дӯстдоштагони худ таманно карда метавонист. *Файз* ҳамаи он ҳусни таваҷҷуҳест, ки Худо ба халқи Худ фурӯ мерезад. *Осоиш* ин ҷо осудагии рӯҳонӣ ва тамкинест, ки ҳаёти ҳамаи онҳоеро, ки аз файзи Ӯ таълим гирифтаанд, ба эътидол меорад. Ҳар дуи ин баракатдиҳӣ *аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд* бармеоянд. Ин хеле муҳим аст. Ин маънои онро дорад, ки Худованд Исо, ба монанди *Падари мо Худо, файз ва осоиш* ато карда метавонад. Агар Масеҳ бо тамоми пуррагӣ ва ҳақиқат Худо намебуд, ба Ӯ ин гуна арзи эҳтиром намудан куфр мебуд.

## II. СИПОСГУЗОРИИ ПАВЛУС ВА ДУО ДАР ҲАҚҚИ ФИЛЕМӮН (4-7)

**Ояти 4** Ҳар гоҳе ки Павлус дар ҳаққи Филемӯн дуо кунад, вай ҳамеша *Худоро* барои ин гуна бародари хуб шукр мегуфт. Мо ҳамаи асосҳоро дорем, то бовар намоем, ки вай асари олидараҷаи файзи Худо буд – шахсе ки ҳар кас дӯст ё бародари ӯ будани Павлусро бо хушӣ мепазируфт. Баъзе илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки Павлус дар оятҳои аввал хеле мулоҳизакор аст, то дили Филемӯнро ба дараҷае «мулоим кунад», ки вай Онисимусро аз нав қабул кунад. Аммо ин маънои ба расул нисбат додани мақсадҳои ношоиста ва бадном кардани матнеро медошт, ки илҳоми илоҳӣ дорад. Павлус ҳеҷ гоҳ инро намегуфт, агар ҳамин тавр намеҳисобид.

**Ояти 5** Дар хислати Филемӯн ду ҷиҳате ҳаст, ки Павлусро махсусан шод мегардонанд, *муҳаббат ва имони* вай, *ки ба Исои Худованд ва ба ҳамаи муқаддасон* дорад. Имони вай ба Масеҳ онро тасдиқ мекард, ки дар вай решаи ҳаёти илоҳӣ буд. Муҳаббат ба *ҳамаи* муқаддасон бошад онро тасдиқ мекард, ки вай самар дошт. Имони вай самаранок буд.

Дар Эфесусиён 1,15.16 ва Кулассиён 1,3.4 Павлус Худоро барои хонандагонаш шукр гуфта, худи ҳамин калимаҳоро ба кор бурдааст. Аммо дар он мавридҳо вай имонро пеш аз муҳаббат гузошта буд. Ин ҷо бошад муҳаббат пеш аз имон меояд. Ин фарқ барои чист? Макларен ҷавоб медиҳад: «Дар ин ҷо тартиб тартиби таҳлил аст, ки аз зоҳиршавӣ то сабабҳо таҳқиқ менамояд. Тартиб дар оятҳои мувозӣ – тартиби маҳсул аст, ки аз реша ба гул мебарояд».

Дар ҷобаҷогузории калимаҳо як хусусияти шавқовар ҳаст. Расул ибораи *«Муҳаббат ба ҳамаи имондорон»-ро* шикаста, пас аз муҳаббат *«имон ... ба Исои Худованд»-ро* илова мекунад. Инро чунин навиштан мумкин аст: «муҳаббат (ва имон ба Худованд Исо) ба ҳамаи муқаддасон». Предмети *имон – Исои Худованд* мебошад. Предмети *муҳаббат – муқаддасон.* Павлус имонро бо муҳаббат «мепечонад», гӯё Филемӯнро меогоҳонад, ки ба наздикӣ вай имконияти нотакрори нишон додани ҳақиқӣ будани имони худро ба воситаи зоҳир намудани муҳаббат ба ғулом Онисимус хоҳад дошт. Бинобар ин ба калимаи «ҳамаи» зада гузошта мешавад – *ба ҳамаи имондорон.*

**Ояти 6** Дар ду ояти пештара Павлус барои Филемӯн ташаккур мегӯяд. Дар худи ҳамин ҷо табиати дуои расул оид ба вай шарҳ дода шудааст. *Муоширати имони* ту – ин ҳамон некии амалиест, ки Филемӯн нисбати

дигарон зоҳир намудааст. Мо имони худро ба дигарон на танҳо бо мавъизаи Масеҳ расонда метавонем, балки ҳамчунин бо хӯрондани гуруснагон, пӯшондани камбағалон, тасалло додани касоне ки талафоти вазнин дидаад, ёрӣ додан ба гирифторони фалокат, – ҳатто бо бахшидани ғуломи гурехта. Павлус дуо мекард, ки некӯкории Филемӯн ба бисёриҳо имкони фаҳмидани онро диҳад, ки тамоми корҳои неки вай аз *Исои Масеҳ* сарчашма мегиранд. Ҳаёте ки муҳаббати Худоро зоҳир менамояд, қудрат ва таъсири зиёде дорад. Оид ба муҳаббат дар китоб хондан мумкин аст, аммо дидани Калом, ки дар ҳаёти инсон ҷисм гардидааст, то чӣ андоза дилрабост!

**Ояти 7** Хабари саховатмандии бузурги Филемӯн ва муҳаббати фидокоронаи вай аз Кулассо ба Рум расида, ба бандии Масеҳ *шодӣ* (ё сипосгузорӣ)[3] *ва тасаллои бузурге* овард. Ба Филемӯн нишон додани роҳ ба сӯи Худованд барои Павлус шарафи бузурге буд, аммо чӣ мукофотест шунидани он ки фарзанди вай дар имон дилпурона бо роҳи Худо рафта истодааст. Чӣ чуна шодиовар аст донистани он ки дилҳои *муқаддасон* аз ҷониби ин *бародари* дӯстдошта ва махсусан бо *муҳаббати* вай *осуда шудааст!* Ҳеҷ кас худ ба худ зиндагӣ намекунад ва намемирад. Ҳамаи рафторҳои мо ба дигарон таъсир мерасонанд. Мо андозаи ин таъсирро баҳо дода наметавонем. Имконоти мо барои некӣ кардан ва низ барои бадӣ кардан бепоёнанд.

## III. ДАРХОСТИ ПАВЛУС ОИД БА ОНИСИМУС (8-20)

**Ояти 8** Акнун Павлус ба сари мақсади асосии мактуб меояд. Вай оид ба Онисимус хоҳиш карданист. Аммо вай инро чӣ тавр мекунад?

Чун расул, вай пурра ҳақ дошт ба Филемӯн бигӯяд: «Гӯш кун, бародар, чун масеҳӣ ту бояд гурезаро бахшӣ ва дар вазифаи пештарааш барқарор намоӣ, чунон ки ман ба ту мегӯям». Павлус инро ба вай фармуда метавонист, ва Филемӯн, албатта, итоат мекард. Аммо ин гуна ғалаба арзише намедошт.

**Ояти 9** Агар расул дили Филемӯнро ба даст оварда наметавонист, эҳтимол Онисимус ҳангоми бозгаштан бо қабули сард рӯ ба рӯ мешуд. Танҳо итоаткорие ки дар муҳаббат асос ёфтааст, вазъи ғуломро дар хона тоқатпазир карда метавонист. Шояд, Павлус ҳангоми навиштани ин сатрҳо оид ба суханони Наҷотдиҳанда фикр мекард: «Агар Маро дӯст доред, фармудаҳои Маро риоя хоҳед кард» (Юҳ. 14,15). Бинобар ин *аз рӯи муҳаббат* афзал донист, ки фармон надиҳад, балки *хоҳиш намояд.* Оё муҳаббати Филемӯн аз он сӯи баҳр то он ҷое ки сафири *пиронсоли*[4] Исо дар банди занҷирҳо барои Исои Масеҳ азият мекашид, расида метавонад? Оё зории Павлус, ки пиронсол ва *акнун бандии Масеҳ низ* мебошад, ба дили вай таъсир карда метавонанд? Бо боварӣ гуфта наметавонем, ки он вақт Павлус чандсола буд. Тақрибан Павлус аз 53 то 63-сола буд. Имрӯзҳо ҳеҷ кас чунин одамро пир наменомад, аммо, аз афташ, Павлус бармаҳал пир шуд, чунки ба Масеҳ хизмат карда, худро беибо месӯзонд. Ва акнун вай *барои Исои Масеҳ бандӣ* шудааст. Инро зикр намуда, Павлус ҷӯёи ҳамдардӣ набуд, балки умедвор буд, ки Филемӯн ҳангоми қарор қабул кардан инро ба эътибор мегирад.

**Ояти 10** Дар нусхаи асл калимаи «Онисимус» дар охири оят аст. *«Аз Ту дар хусуси фарзанди худ хоҳиш менамоям, ки ӯро ҳангоми дар занҷирҳо буданам ба дунё овардаам: Онисимус».* Ҳангоме ки Филемӯн номаро хонд, пеш аз он ки то номи ғуломи гурезаи худ расад, комилан бесилоҳ гардид. Ба худ тасаввур кунед, ки ин «қаллоб» имон овардааст, ва гузашта аз ин, худи Павлус ӯро ба масеҳият роҳнамоӣ кардааст!

Яке аз хурсандиҳои аз назари бегонагон пинҳони ҳаёти масеҳиёна дидани он аст, ки Худо ба таври ақлнорас, муъҷизаосо меҳнат карда, Худро дар силсилаи ҳодисаҳои алоқаманде ки онҳоро тасодуфӣ номидан мумкин нест, аён мекунад. Аввал Павлус ба Филемӯн ёрӣ дод, то роҳро ба сӯи Худованд пайдо кунад. Сипас расулро ҳабс карда ба Рум оварданд, то ӯро дар он ҷо доварӣ кунанд. Ғуломи Филемӯн аз соҳибаш гурехт ва ба Рум равона шуд. Дар он ҷо вай бо як тариқе бо Павлус шинос шуд ва имон овард. Ғулом ва соҳиб аз дасти ҳамон як воиз наҷот пайдо намуданд, аммо дар вазъиятҳои тамоман гуногун ва дар ҷойҳои аз ҳам дур. Оё ин тасодуфи одӣ буд?

**Ояти 11** Маъноии номи «Онисимус» «*фоиданок*» аст. Аммо ҳангоме ки вай гурехт, Филемӯн аз афташ, борҳо мехост ӯро «палиди

нобакор» номад. Аммо ин ҷо Павлус моҳиятан чунин мегӯяд: «Ҳа, вай барои ту фоиданок набуд, аммо акнун вай *ҳам барои ту фоиданок аст, ҳам барои ман»*. Ғуломе ки назди Филемӯн баргашт, хеле беҳтар аз оне буд, ки замоне аз вай гурехт. Чунон ки зикр шуда буд, дар замонҳои Аҳди Нав дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ ғуломони масеҳӣ аз дигарон қиматтар буданд. Дар рӯзҳои мо низ масеҳиён бояд дар ҷойҳои кори худ назар ба ҳамкорони беимонашон фоидаи бештаре оваранд.

**Ояти 12** Дар ин Нома муносибати Аҳди Нав ва ғуломӣ равшан аён аст. Мо мебинем, ки Павлус ғуломиро маҳкум намекунад ва онро манъ намекунад. Гузашта аз ин, вай Онисимусро ба назди соҳибаш бармегардонад. Аммо Аҳди Нав бераҳмӣ ва таҳқирро, ки ба ғуломӣ хос аст, борҳо маҳкум ва манъ мекунад. Макларен менависад:

*Аҳди Нав ... ҳеҷ гоҳ ба масъалаҳои тартиботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯйрост мудохила намекунад, аммо принсипҳоеро тасвия менамояд, ки ба онҳо таъсири азиме хоҳанд дошт ва онҳо тадриҷан ба афкори омма дохил мешаванд.*[5]

Инқилоби зӯроварона ба қатори воситаҳои инҷилииислоҳи норасоиҳои ҷамъият дохил намешавад. Сабаби бераҳмии одамон дар табиати гуноҳолуди онҳост. Хушхабар сабаби асосиро бартараф карданӣ мешавад ва офаридаи наверо дар Масеҳ пешниҳод мекунад.

Пурра имконпазир аст, ки ғуломе ки соҳиби раҳмдил дошт, назар ба озод будан вазъияти беҳтаре дошт. Ин, масалан, ба масеҳиён-бандагони Масеҳ дахл дорад. Танҳо онҳое ки бандаи Ӯ шудаанд, аз озодии ҳақиқӣ баҳраварвар шуда метавонанд. Онисимусро ба Филемӯн *баргардонда,* Павлус бо ғулом рафтори ноодилона намекард. Ҳам соҳиб ва ҳам ғулом масеҳӣ буданд. Филемӯн вазифадор буд, ки ба Онисимус раҳмдилии масеҳиёна зоҳир намояд. Онисимус бошад бояд ба соҳибаш бо вафодории масеҳиёна хизмат кунад. Меҳри амиқи Павлус ба Онисимус аз калимаҳои *«дили ман аст»* аён мешавад. Ба Павлус чунин менамуд, ки вай ҳамроҳи Онисимус як қисми худро гум мекунад.

Ба он диққат диҳед, ки ин ҷо Павлус мувофиқи принсипи муҳими талофӣ намудани зарар амал мекунад. Оё Онисимус акнун, ки наҷот ёфтааст, бояд ба соҳиби пештарааш баргардад? Ҷавоб аниқ аст: «ҳа». Наҷот аз ҳукми гуноҳ ва ҷазо барои он халос мекунад, аммо он қарзҳоро бекор намекунад. Масеҳии навимон бояд тамоми корҳои аз дасти одам меомадаро карда, пули тамоми суратҳисобҳои пардохтнашударо супорад, товони тамоми зарари расондаашро диҳад. Онисимус мебоист ба назди соҳиби худ бармегашт ва тамоми он чизҳоеро, ки шояд дуздида буд, бармегардонд.

**Ояти 13** Расул *назди худ* дар Рум *нигоҳ доштани* Онисимусро афзал медонист. Ҳангоме ки Павлус барои мавъизаи Хушхабар дар маҳбас азоб мекашид, ғуломи навимон кори зиёде барои вай карда метавонист. Барои Филемӯн ин имконияти олидараҷае мегардид, то барои расул *хизмат* намояд ва ҳамин тариқ ёрдамчии вай шавад. Ин нақша танҳо як норасоӣ дошт: ҳамаи кор бе иштироки Филемӯн ва бе розигии вай иҷро мегардид.

**Ояти 14** Павлус намехост Онисимусро дар Рум бо худ нигоҳ дошта, соҳиби ғуломро маҷбур кунад, ки олиҳимматӣ зоҳир намояд. Расул намехост *бе розигии* Филемӯн *коре кунад*. Некӣ тамоми зебоии худро гум мекунад, агар на бо муҳаббат ва *ихтиёрӣ,* балки бо маҷбуркунӣ ба ҷо оварда шавад.

**Ояти 15** Яке аз нишонаҳои балоғати рӯҳонӣ – дар қафои вазъи номусоиди ҳамин лаҳза дида тавонистани он аст, ки Худо ҳама чизро бар нафъи дӯстдорони Худ бармегардонад (Рум. 8,28). Эҳтимол, гурехтани Онисимус барои Филемӯн бисёр дақиқаҳои талх ва ҳисси зарари молиявиро оварда буд. Оё вай боз ғуломи худро медида бошад? Суханони Павлус чун нурҳои офтоб аз паси абрҳо ба худ роҳ мекушоянд. Онисимус оиларо дар Кулассо *муваққатан* тарк намуд, то акнун онҳо тавонанд *ӯро барои ҳамеша қабул кунанд.* Ин суханон бояд барои ҳамаи масеҳиёне ки марг онҳоро аз хешовандон ва ё дӯстони имондорашон ҷудо мекунад, тасалло бошанд. Онҳо муваққатан аз ҳам ҷудо мешаванд, ва чун воҳӯранд, ҷовидона ҳамроҳ хоҳанд буд.

**Ояти 16** Филемӯн на танҳо Онисимусро бозпас гирифт – вай ӯро дар вазъияти хеле беҳтаре назар ба он ки пештар медонист, гирифт. Дар байни онҳо дигар муносибатҳои одатии соҳиб ва ғулом нахоҳанд буд. Онисимус акнун *аз ғулом болотар* аст – вай *бародари азизе* дар Худованд аст. Бинобар ин вай акнун на аз тарс, балки аз боиси муҳаббат хизмат хоҳад кард. Павлус аллакай аз мушоракат

бо вай ҳамчун бо *бародари азиз* ҳаловат бурда буд. Аммо акнун Онисимус дигар дар назди ӯ дар Рум нахоҳад буд. Он чи Павлус аз даст медиҳад, барои Филемӯн дастовард хоҳад буд. Вай Онисимусро *хоҳ чун як инсон ва хоҳ чун як бародар дар Худованд* хоҳад шинохт. Ғуломи пештара дурустии суханони соҳибашро *ҳам чун як инсон,* яъне бо хизмати вафодорона ба соҳибаш, *ҳам дар Худованд,* бо вай чун имондор дар мушоракат буда, исбот мекунад.

**Ояти 17** Талаби расул ҳам бо ҷасорати худ ва ҳам бо назокати худ ҳайрон мекунад. Вай аз Филемӯн хоҳиш мекунад, ки Онисимусро *чунон ки* худи расулро қабул мекарда бошад, *қабул кунад.* Павлус мегӯяд: *«Агар ту маро шарики худ донӣ, ӯро қабул кун, чунон ки маро қабул мекунӣ».* Ин суханон гуфтаҳои Наҷотдиҳандаро ба хотир меоранд: «Ҳар кӣ шуморо қабул кунад, Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул кунад, Фиристандаи Маро қабул мекунад» (Мат. 10,40) ва «... он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед» (Мат. 25,40). Онҳо ба мо онро ёдрас мекунанд, ки Худо моро дар Шахси Писари Худ қабул намуд, ва мо ба андозаи Масеҳ ба Ӯ наздик ва азиз ҳастем.

Агар Филемӯн Павлусро дӯсти худ меҳисобида бошад, ки бо ӯ *шарик* буд, пас мувофиқи хоҳиши расул вай Онисимусро низ дар ҳамон асос қабул мекунад. Ин маънои онро надорад, ки Онисимус дар хона мавқеи меҳмони доимиро ишғол карда, ҳеҷ кор нахоҳад кард. Не, вай хоҳ-нохоҳ ғулом мемонд, аммо ғуломе ки ба Масеҳ тааллуқ дошт, ва бинобар ин аз рӯи имон бародар буд.

**Ояти 18** Расул намегӯяд, ки Онисимус аз Филемӯн чизе дуздидааст, аммо ин оят ба фикре меорад, ки ин имконпазир буд. Дуздӣ, бешубҳа, яке аз гуноҳҳои асосии ғуломон буд. Павлус тайёр аст товони ҳама гуна зарари ба Филемӯн расондашударо диҳад. Вай дарк мекунад, ки зарар бояд талофӣ карда шавад. Бо он ки Онисимус ба масеҳият рӯ овард, қарзи вай ба ҳеҷ ҷой гум нашудааст. Бинобар ин Павлус аз Филемӯн хоҳиш мекунад, ки *онро ба* вай *ҳисоб кунад.*

Инро хонда, он қарзеро, ки мо ҳамчун гуноҳкорон ҷамъ овардаем, ва онро, ки дар Ҷолҷолто ҳамаи ин қарз ба ҳисоби Худованд Исо даровардa шуд, ба ёд наовардан мумкин нест. Ба ҷои мо маргро қабул намуда, Ӯ ин қарзро пурра пардохт. Ин ҳамчун Шафоатгари мо хизмат кардани Масеҳро низ ёдрас мекунад. Ҳангоме ки иблис, маломатгари бародарон, моро барои гуноҳҳои кардаамон айбдор мекунад, Худованди пурбаракати мо моҳиятан чунин мегӯяд: «Инро ба ҳисоби Ман дарор». Ин китоб мусаввараи олидараҷаест барои таълимот оид ба оштӣ. Рафтори ношоями Онисимус ӯро аз Филемӯн дур кард. Мо ҳамаи асосҳоро дорем чунин ҳисобем, ки ба шарофати хизмати Павлус ин дурӣ ва душманиии байни онҳо аз байн рафт. Ғулом бо соҳиби худ оштӣ дода шуд. Мо низ ҳамин тавр ба сабаби гуноҳамон аз Худо дур шуда будем. Аммо ба шарофати марг ва растохези Масеҳ сабаби душманӣ барҳам хӯрд ва масеҳиён бо Худо оштӣ дода шуданд.

**Ояти 19** Одатан номаҳои Павлусро каси дигар аз гуфтаҳои ӯ менавишт, ва танҳо сатрҳои охиринро худи расул *бо дасти худ* менавишт. Бо боварии пурра гуфта наметавонем, ки оё тамоми ин номаро худи ӯ навишт, ва ё ақаллан дар ин ҷо қалам ба даст гирифт ва бо ҳусни хати ба ҳама маълум ба худ ухдадории пардохтани ҳамаи қарзҳои Онисимусро ба худ гирифт. Ӯ тайёр буд инро кунад, агарчи Филемӯн, дар навбати худ, дар назди ӯ қарздор буд. Павлус ба вай ёрӣ дод, то ба сӯи Худованд роҳ ёбад. Бо ҳаёти рӯҳонии худ вай ба Павлус ҳамчун ба асбобе ки ба воситаи он Худо амал мекард, қарздор буд. Аммо расул аз вай пардохти қарзро талаб намекард.

**Ояти 20** Ба Филемӯн чун ба *бародар* муроҷиат карда, Павлуси пирамард танҳо оид ба хизмате дар Худованд, оид ба осудагӣ дар Худованд хоҳиш намуд. Вай илтиҷо мекунад, ки Онисимусро бо хубӣ қабул кунад, ӯро бахшад ва ба вай боз ҳамон кори пештараашро супорад, аммо акнун на чун ба ғулом, балки чун ба бародар дар оилаи Худо.

## IV. ХУЛОСА (21-25)

**Ояти 21** Расул боварии комил дошт, *ки* Филемӯн *аз гуфтаи вай зиёдтар ҳам* хоҳад *кард.* Худи вай омурзишро аз Масеҳ ройгон гирифт. Бешубха, барои Онисимус низ вай на камтар аз ин хоҳад кард. Ин мусаввараи равшане барои Эфесусиён 4,32 аст: «Ба якдигар меҳрубон

ва дилсӯз бошед ва якдигарро бахшед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ бахшидааст».

**Ояти 22** Аммо Павлус аз куҷо фаҳмида метавонист, ки Филемӯн бо Онисимус чӣ рафторе хоҳад кард? Вай умед дошт, ки аз Кулассо дидан хоҳад кард ва дар хонаи Филемӯн меҳмон хоҳад шуд. Расул боварӣ дошт, ки дар ҷавоби *дуоҳои* масеҳиён ӯро ба зудӣ озод хоҳанд кард. Барои ҳамин ҳам вай аз Филемӯн хоҳиш мекунад, ки барояш *хонае тайёр кунад*. Шояд супориши аввалине ки ба Онисимус дода шуд, ҳамин буд: «Барои бародарамон Павлус хонае тайёр кун». Мо намедонем, ки Павлус ба Кулассо рафта тавонист ё не. Мо танҳо тахмин карда метавонем, ки барои вай хонае тайёр карда шуда буд ва дар дилҳои ҳамаи аҳли хонавода, ки ба якдигар муҳаббат доштанд, хоҳиши калони дидани вай мавҷуд буд.

**Ояти 23** Комилан имконпазир аст, ки маҳз *Эпафрос* дар Кулассо ҷамоат бунёд карда буд (Кул. 1,7.8; 4,12.13). Вай акнун, ки ба монанди Павлус дар Рум *бандӣ* буд, ба дурудҳои расул ба Филемӯн ҳамроҳ мешавад.

**Ояти 24** Дар ин ҳангом ҳамроҳи Павлус *Марқус, Oристархус, Димос ва Луқос* буданд. Худи ҳамин номҳо дар Куласиён 4,10.14 зикр шудаанд. Номи Ешуа, ки Юстус номида мешуд, дар Нома ба Кулассиён зикр шудааст, аммо ин ҷо бо кадом як сабабе партофта шудааст. *Марқус* Инҷили дуюмро навишт. Маълум шуд, ки вай хизматгори содиқи Худованд аст, агарчи хизмати худро бо хато сар кард (2Тим. 4,11; ниг. Аъм. 13,13; 15,36– 39). *Oристархус,* масеҳӣ аз Тасолуникӣ, дар баъзе сафарҳо Павлусро ҳамроҳӣ мекард, аз ҷумла дар сафари Рум бо ӯ буд. Дар Кулассиён 4,10 Павлус менависад, ки вай ҳамроҳи ӯ хабс шуда буд. *Димос* дертар «ин ҷаҳонро дӯстдошта» Павлусро тарк кард (2Тим. 4,10). *Луқо,* духтури дӯстдошта, то худи охир ҳамсафар ва ёрдамчии содиқ буд (2Тим. 4,10).

**Ояти 25** Мактуб бо баракатдиҳии хоси Павлус ба анҷом мерасад. Вай барои Филемӯн хоҳиш мекунад, ки *файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо рӯҳи* вай *бод*. Дар ҳаёт баракате бештар аз он нест, ки некӯии Худованд, ки мо сазовори он нестем, ҳар дақиқаи онро фаро гирад. ҳузури доимии Ӯро эҳсос намуда ва аз Шахсияту кори Ӯ ҳаловат бурда зистан, – беҳтарин чизест, ки дил хоста метавонад.

Павлус қаламро барканор гузошт ва мактубро печонда, ба Тихиқус дод, то вай онро ба Филемӯн расонад. Аз эҳтимол дур аст, ки вай эҳсос мекард, то чӣ андоза маънои асосии ин нома ба рафтори масеҳиён дар асрҳои оянда таъсир хоҳад расонд. Ин нома – намунаи муҳаббат ва хушмуомилагӣ – имрӯзҳо ба монанди рӯзҳои навишта шудани он рӯзмарра аст. *Омин.*

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) Мартин Лютер, иқтибос карда мешавад аз рӯи: J. B. Lightfoot, *Saint Paul's Epistles to the Colossians and to Philemon,* саҳ. 317-318.
2. (2) Статуси масеҳизанро бо вазъи зан дар олами ислом ва бутпараст муқоиса карда, наметавон иқрор нашуд, ки дар ҳақиқат «озодкунандаи занҳо» Исои Масеҳ аст.
3. (7) Дар бисёрии дастнависҳо ба ҷои калимаи «шодӣ» («коран») «сипосгузор будан» («карин») мебошад.
4. (9) Калимаҳои юнонии «пир» («пресбутес») ва «сафир» («пресбеутес») ба андозае монанд ҳастанд, ки Бентлӣ тахмин мекунад, ки Павлус «сафир» навиштааст. Дастнависҳои анъанавӣ ин тахминро, бо вуҷуди ба матн хуб мувофиқат карданаш, рад мекунанд.
5. (12) Alexander Maclaren, *Colossians and Philemon, The Expositor's Bible,* саҳ. 461.

# Рӯйхати адабиёт

Ба рӯйхати адабиёт дар охири Нома ба Кулассиён нигаред.

# НОМА БА ИБРИЁН

*Дар Навиштаҳо дигар чунин китобе нест, ки оид ба муаллифии он ин қадар мунокишаҳо бошанд ва илҳоми илоҳӣ доштани он ин қадар баҳснопазир бошад.*

Конибер ва Ҳаусон

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Нома ба Ибриён дар Инҷил аз бисёр ҷиҳатҳо нотакрор аст. Ибтидои он ба жанри номанависӣ тамоман монанд нест, аммо оид ба охири он инро гуфтан номумкин аст; пурра возеҳ аст, ки он ё ба Италия, ё аз Италия фиристода шудааст (13,24) ва ба гурӯҳи муайяне, эҳтимоли куллӣ дорад, ки ба масеҳиёни яҳудӣ навишта шудааст. Тахминҳо пешниҳод мешуданд, ки дар ибтидо он ба калисои хурди хонагӣ навишта шуда буд ва бинобар ин ба ҷамоатҳои калон ва шинохтае ки ривоятҳоро оид ба пайдоиш ва ба кӣ навишта шудани он нигоҳ медоштанд, маълум набуд. Услуби Нома дар байни ҳамаи китобҳои Инҷил адабитарин аст. Он шоирона буда, аз Септуагинта иқтибосҳои фаровон дорад. Муаллифи нома захираи луғавии зиёд дошт ва қоидаҳои забони юнониро дар мавриди шаклҳои замонии феъл ва ҷузъиёти дигар қатъиян риоя мекард.

Ин мактуб ба маъное ниҳоят яҳудиёна буда (онро бисёр вақт бо китоби Ибодат муқоиса мекунанд), барои олами масеҳӣ чун огоҳкунӣ зидди дур шудан аз моҳияти аслии марги Масеҳ ба сӯи маросими динии холӣ бениҳоят муҳим аст. Аҳамияти бузурги ин китоб маҳз дар ҳамин мебошад.

### II. МУАЛЛИФӢ

Муаллифи Нома ба Ибриён маълум нест, агарчи дар баъзе нашрҳои пештараи Навиштаи Муқаддас номи расул Павлус дар сарлавҳаи китоб ҳаст. Дар Калисои шарқии ибтидоӣ (Дионисий ва Климент, ҳар ду аз Искандария) тахмине баён карда мешуд, ки муаллифи нома Павлус буд. Баъди дудилагиҳои зиёд ин нуқтаи назар афзалият пайдо кард (аз Афанасий сар карда), ва дар охир Ғарб низ бо он розӣ шуд. Аммо дар замони мо аз эҳтимол дур аст касе изҳор намояд, ки муаллифи нома Павлус буд. Ориген эътироф мекард, ки мундариҷаи нома, ва низ баъзе ҷузъиёт ба Павлус хос буданд, аммо услуби нусхаи асл ба услуби Павлус тамоман монанд нест. (Аммо ин имкониятеро инкор намекунад, ки Павлус муаллифи он буд, чунки нобиғаи адабӣ услуби худро дигар карда метавонад.)

Дар давоми асрҳо муаллифӣ ба ҳафт шахси мухталиф нисбат дода мешуд: ба Луқо, ки услубаш ба услуби нома хеле монанд аст ва ӯ бо мавъизаҳои Павлус хуб ошно буд; ба Барнаббо; ба Сило; ба Филиппус ва ҳатто ба Акило ва Прискила.

Лютер тахминеро баён мекард, ки муаллиф Апуллус буд, шахсе ки китоберо бо ин мазмун ва услуб навишта метавонист: вай Навиштаҳои Аҳди Қадимро хеле хуб медонист ва маҳорати хушбаёнӣ дошт (вай аслан аз Искандария буд, ки мактаби хушбаёнии он шуҳрат дошт). Далели зидди ин фаразия он аст, ки дар ҳеҷ кадом ривояти искандариягӣ оид ба ин зикр карда намешавад, ки агар зодаи Искандария ин номаро менавишт, ин имконнопазир мебуд.

Бо кадом як сабабе Худованд номаълум гузоштани номи муаллифро зарур ҳисобид. Пурра имкон дорад, ки маҳз Павлус ин мактубро навиштааст, аммо аз боиси он ки яҳудиён нисбати вай ақидаи бад доштанд, дидаву дониста муаллифии худро пинҳон дошт. Бинобар ин ҳеҷ кас дар давоми асрҳо ба гуфтаҳои зерини Ориген чизеро илова накардааст: «Танҳо Худо бо тамоми аниқӣ медонад, ки ин номаро кӣ навиштааст».

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Агарчи аз тарафи кӣ навишта шудани Нома маълум нест, вақти навишта шудани онро метавон хеле аниқ муайян кард.

*Шаҳодатҳои берунӣ* далолат мекунанд, ки он дар асри якум пайдо шудааст, чунки ин китобро Клименти Румӣ истифода бурдааст (наздикии соли 95). Агарчи Поликарп ва Юстини Риёзаткаш номаро иқтибос мекунанд, номи муаллифро онҳо зикр намекунанд. Дионисийи Искандариягӣ Нома ба Ибриёнро ҳамчун асари Павлус иқтибос мекунад, Клименти Искандариягӣ изҳор менамояд, ки Павлус номаро ба ибронӣ навишт, Луқо бошад онро тарҷума кард. (Аммо китоб дар худии худ ба тарҷума монанд нест.) Ириней ва Ипполит чунин меҳисобиданд, ки Павлус муаллифи нома набуд, Тертуллиан бошад ақида дошт, ки муаллиф Барнаббо буд.

Дар асоси *шаҳодатҳои дохилӣ* таассуроте ҳосил мешавад, ки муаллиф масеҳӣ дар насли дуюм аст (2,3; 13,7), бинобар ин аз эҳтимол дур аст, ки он хеле барвақт, масалан, ҳамзамон бо Номаи Яъқуб ва ё 1Тасолуникиён навишта шуда бошад (муқоиса кунед бо 10,32). Азбаски дар ин ҷо ҷангҳои Яҳудия (ки соли 66-уми милодӣ сар шуда буданд) зикр намешаванд ва, аз афташ, ҳанӯз ҳам дар парастишгоҳ қурбониҳо оварда мешуданд (8,4; 9,6; 12,27; 13,10), ин мактуб пеш аз соли 66, ва бе ягон шубҳа, пеш аз вайрон карда шудани Уршалим (соли 70-ими милодӣ) навишта шудааст. Таъқибот зикр шудаанд (12,4), аммо масеҳиён «ҳанӯз на то хун мубориза мебурданд». Агар мактуб ба Италиё фиристода шуда бошад, аз боиси таъқиботи хунине ки Нерон сар карда буд (соли 64-уми милодӣ), санаи навишта шудани нома аз ҳама дертараш ба нимаи соли 64-уми милодӣ мекӯчад. Солҳои 63-65 барои мо пурра имконпазир метобад.

## III. МАҚСАДИ НАВИШТАН ВА МАВЗУЪ

Умуман Нома ба Ибриён ба мавзуи муборизаи фавқулодае бахшида шудааст, ки бо гузариш аз як системаи динӣ ба дигаре ҳамроҳӣ мекард. Ин ҳамчунин дард аз канда шудани алоқаҳои дерина, шиддатнокии бегонашавӣ ва фишори азиме мебошад, ки ба шахси аз дин баргашта бо мақсади бозгардондани вай расонда мешавад.

Аммо мушкилие ки дар маркази ин нома меистад, на танҳо дар гузариш аз системаи кӯҳна ба навест, ки ба он арзиши баробар дорад. Не, ин ҷо масъалаи гузариш аз яҳудият ба масеҳият меистод ва, чунон ки муаллиф нишон медиҳад, масъалаи тарк кардани соя ба хотири субстансия, маросим ба хотири моҳияти ҳақиқӣ, қаблӣ ба хотири ниҳоӣ, муваққатӣ ба хотири доимӣ – хуллас, хуб ба хотири беҳтарин буд.

Аммо ин ҳамчунин мушкилии гузаштан аз маъмул ба ғайримаъмул, аз аксарият ба ақаллият, аз истисморкунандагон ба истисморшавандагон буд. Ва ин боиси душвориҳои ҷиддии зиёд мегардид.

Нома ба шахсони аслу насабашон яҳудӣ навишта шуда буд. Ин яҳудиён Хушхабарро, ки расулон ва дигарон дар ибтидои Калисо мавъиза мекарданд, шунида буданд, ва мӯъҷизаҳои азими Рӯҳулқудсро, ки ин мавъизаро тақвият медод, дида буданд. Онҳо ба Хушхабар ба таври гуногун ҷавоб доданд:

Баъзеҳо ба Худованд Исои Масеҳ имон оварданд| ва самимона ба масеҳият рӯ оварданд.

Баъзеҳо изҳор мекарданд, ки масеҳӣ шудаанд, таъмид меёфтанд ва дар ҷамоатҳои маҳаллӣ ҷои худро мегирифтанд. Аммо бо вуҷуди ин онҳо ҳеҷ гоҳ аз ҷониби Рӯҳулқудси Худо аз нав зода нашуда буданд.

Дигарон хабари наҷотро қатъиян рад мекарданд.

Дар ин нома сухан дар бораи ду гурӯҳи аввал меравад – яҳудиёне ки ҳақиқатан наҷот ба даст оварданд, ва онҳое ки танҳо шакли зоҳирии масеҳият доштанд.

Ҳангоме ки яҳудӣ дини аҷдодони худро тарк мекард, ба вай ҳамчун ба маслакфурӯш ва муртад («мешуммед») менигаристанд, ба вай як ё якчанд ҷазо таҳдид мекард:

- аз мерос маҳрум шудан;
- аз бародарии динии Исроил берун шудан;
- аз даст додани ҷои кор;
- аз моликият маҳрум шудан;
- фишори психикӣ ва шиканҷаҳои ҷисмонӣ;
- мавриди масхараи умум гардидан;
- ҳабс шудан;

- марги риёзаткашона.

Албатта, роҳи ақибгардӣ ҳам боқӣ мемонд. Агар вай аз Масеҳ даст кашида, ба яҳудият баргардад, аз таъқиботи минбаъда халос мешавад. Дар байни сатрҳои ин нома мо оид ба баъзе далелҳое мехонем, ки барои ба яҳудият баргаштан водор намудани «муртад» ба кор андохта мешуданд:

- анъанаҳои ғании пайғамбарон;
- хизмати барҷастаи фариштагон дар таърихи халқи қадимии Худо;
- наздикӣ бо шариатдиҳандаи машҳур Мусо;
- риштаҳои миллӣ, ки яҳудиро бо сарлашкари нобиға Юшаъ мепайвастанд;
- ҷалоли коҳинии Ҳорун;
- қудси қудсҳо, ҷое ки Худо интихоб кардааст, то дар байни халқи Худ сокин бошад;
- аҳди шариате ки Худо ба воситаи Мусо додааст;
- сохти аз тарафи Худо муқарраршудаи қудс ва пардаи олидараҷа;
- ибодат дар парастишгоҳ ва хусусан маросим дар Рӯзи бузурги кафорат (Йом Киппур рӯзи муҳимтарин дар тақвими яҳудӣ).

Дар пеши назари мо симои яҳудии дар ибтидои солшумории мо мезиста ҷилвагар мегардад, ки тамоми шуҳрати дини қадимӣ ва аз ҷиҳати маросимҳо ғании худро тасвир мекунад, ва баъд бо лабханди истеҳзоомез мепурсад: «Шумо чӣ доред, масеҳиён? Мо ин ҳамаро дорем. Шумо чӣ доред? Ҳеҷ чиз, ба ғайр аз ҳуҷраи бетакаллуф ва миз бо нон ва май дар болояш! Наход шумо гуфтаниед, ки ҳамаи онро барои ин тарк кардаед?»

Нома ба Ибриён – дар асл ҷавобест ба саволи зерин: «Шумо чӣ доред?» Ва ин ҷавоб бо як калима тасвия шудааст: «Масеҳ». Мо дар Ӯ Он Касеро дорем,

- ки аз пайғамбарон бузургтар аст;
- ки аз фариштагон бузургтар аст;
- ки аз Мусо бузургтар аст;
- ки аз Юшаъ ибни Нун бузургтар аст;
- ки коҳиниаш аз коҳинии Ҳорун баландтар аст;
- ки дар қудси хеле беҳтар хизмат мекунад;
- ки аҳди хеле беҳтареро ҷорӣ намуд;
- ки сохти хаймаи ҷомеъ ва парда тимсоли Ӯ буд;
- ки Худро қурбонӣ оварданаш, ки як бор барои ҳамеша ба амал оварда шуда буд, аз қурбониҳои бешумори нарговҳо ва бузҳо баландтар меистад.

Ба монанди он ки ситораҳо дар баробари нурҳои аз онҳо равшантари офтоб хира мешаванд, тимсолҳо ва сояҳои яҳудият дар баробари нурҳои Шахсияти аз онҳо бузургтари Худованд Исо ва кори Ӯ ҳамин тавр хира мешаванд.

Аммо боз мушкилии таъқибот низ буд. Онҳое ки ба Худованд Исо тааллуқ доштани худро эълон мекарданд, бо зиддияти мутаассибонаи бошиддат дучор мешуданд. Аз ин сабаб ба масеҳиёни ҳақиқӣ хатари рӯҳафтодагӣ ва ноумедӣ таҳдид мекард. Бинобар ин онҳоро рӯҳбаланд карда, водор намудан лозим буд, ки бовариро ба ваъдаҳои Худо гум накунанд. Онҳо бояд бинобар мукофоти оянда ҳама чизро босаброна таҳаммул намоянд.

Ба онҳое ки танҳо ба ном масеҳӣ буданд, хатари аз дин баргаштан таҳдид мекард. Боре оид ба Масеҳро қабул карданашон эълон карда, акнун онҳо метавонистанд қатъиян аз Ӯ даст кашанд ва ба дини маросимӣ баргарданд. Ин баробар ба поймол намудани Писари Худо, нопок кардани хуни Ӯ ва таҳқир намудани Рӯҳулқудс аст. Барои ин гуноҳи дидаву дониста на тавба буд, на омурзиш. Нома ба Ибриён гаштаву баргашта бар зидди ин гуноҳ огоҳӣ медиҳад. Дар 2,1 гуфта мешавад, ки касе ин гуноҳро мекунад, аз хабари Масеҳ дур мешавад; дар 3,7-19 гуфта мешавад, ки вай бар зидди Худо бармехезад, ё дили худро сахт мекунад. Дар 6,6 ин ҷудо шуда афтидан, ё муртадӣ номида мешавад. Дар 10,25 ин гуноҳ гуноҳи тарк кардани ҷамъомад номида шудааст, дар 10,26 гуноҳи худсарона, ё дидаву дониста номида шудааст. Дар 12,16 дар бораи ин гуноҳ гуфта шудааст, ки ин барои як таом фурӯхтани нахустзодагии худ аст. Ва ниҳоят, дар 12,25 ин гӯш наандохтан ба Он Касе номида шудааст, ки аз осмон сухан мегӯяд. Аммо ҳамаи ин огоҳкуниҳо бар зидди ҷиҳатҳои гуногуни худи ҳамон гуноҳ – гуноҳи муртадӣ равона карда шудаанд.

Дар рӯзҳои мо Нома ба Ибриён чун дар ибтидои мавҷудияти Калисо муҳим аст. Мо муҳтоҷи ёдраскуниҳои ҳаррӯза оид ба имтиёзҳо ва баракатҳои ҷовидоние мебошем, ки дар Масеҳ ба мо тааллуқ доранд. Мо муҳтоҷи

онем, то моро огоҳ кунанд, ки новобаста ба душвориҳо ва зиддиятҳо, ба ҳама чиз босаброна тоб оварем. Ҳамаи онҳое ки худро масеҳӣ меномand, муҳтоҷи огоҳкунӣ ҳастанд, ки пас аз он ки некӯии Худовандро диданд ва чашиданд, ба дини маросимӣ барнагарданд.

## Нақша

I. БАРТАРИИ ШАХСИЯТИ МАСЕҲ (1,1–4,13)
   A. Бартарии Масеҳ аз пайғамбарон (1,1-3)
   Б. Бартарии Масеҳ аз фариштагон (1,4–2,18)
   В. Бартарии Масеҳ аз Мусо ва Юшаъ (3,1–4,13)

II. БАРТАРИИ КОҲИНИИ МАСЕҲ (4,14–10,18)
   A. Бартарии саркоҳинии Масеҳ аз саркоҳинии Ҳорун (4,14–7,28)
   Б. Бартарии хизмати Масеҳ аз хизмати Ҳорун (Б. 8)
   В. Бартарии қурбонии Масеҳ аз қурбониҳои Аҳди Қадим (9,1–10,18)

III. ОГОҲКУНӢ В А НАСИҲАТҲО (10,19–13,17)
   A. Огоҳкунӣ дар хусуси нафрат накардан аз Масеҳ (10,19-39)
   Б. Насиҳат баҳри имон дар мисолҳои Аҳди Қадим (Б. 11)
   В. Насиҳат оид ба умед бастан ба Масеҳ (Б. 12)
   Г. Насиҳат оид ба некӯкориҳои гуногуни масеҳиёна (13,1-17)

IV. БАРАКАТХОҲИИ ХОТИМАВӢ (13,18-25)

## Тафсир

### I. БАРТАРИИ ШАХСИЯТИ МАСЕҲ (1,1–4,13)

### A. Бартарии Масеҳ аз пайғамбарон (1,1-3)

**1,1** Ҳеҷ номаи дигари Аҳди Нав ин қадар тез ба асли мақсад намегузарад. Бартариҳои дурудгӯӣ ё муқаддимаро сарфи назар карда, муаллиф фавран ба мавзӯи асосӣ даст мезанад. Тааccуроте ҳосил мешавад, ки вай дар оташи бесабрии муқаддас месӯхт, то ҷалоли аз ҳама афзалиятноки Худованд Исои Масеҳро тасвир намояд.

Аввал вай ваҳйи Худоро дар *пайғамбарон* бо ваҳйи Ӯ дар Писараш муқоиса мекунад. *Пайғамбарон* хабаррасонҳои Худо буданд, ки илҳоми илоҳӣ доштанд. Онҳо хизматгорони муҳтарами Худованд буданд. Ғановати рӯҳонии хизмати онҳо дар Аҳди Қадим нигоҳ дошта шудааст.

Бо вуҷуди он хизмати онҳо нопурра ва порча-порча буд. Ба ҳар кадоми онҳо андозаи муайяни ваҳӣ дода шуда буд, аммо ҳар дафъа он нопурра буд.

Гап на танҳо дар он буд, ки онҳо ҳақиқатро дар қисмҳои хурд-хурд мегирифтанд; ҳангоми ба одамон расондани он онҳо усулҳои *гуногунро* ба кор мебурданд. Ҳақиқат дар шакли шариат, таърих, назм ва пайғамбарӣ зоҳир мешуд. Он баъзан дар шакли даҳонӣ ва баъзан дар шакли хаттӣ расонида мешуд. Баъзан ҳақиқат ба воситаи руъёҳо, хобҳо, рамзҳо ё пантомима расонида мешуд. Аммо сарфи назар аз усул, он чиз асосӣ буд, ки ваҳйҳои пештараи Худо ба халқи яҳудӣ пешакӣ, тадриҷӣ ва аз ҷиҳати пешниҳод шудан гуногун буданд.

**1,2** Пайғамбариҳои даврӣ, нопурра ва гуногуншакли Аҳди Қадимро акнун ваҳйи афзалиятноки ниҳоии Худо дар Шахсияти *Писари* Ӯ тасхир намуд. Пайғамбарон танҳо воситаҳои расонидани Каломи Худо буданд. Худованд Исои Масеҳ Худ ваҳйи ниҳоии Худо

ба одамон гардид. Чунон ки Юҳанно гуфтааст: «Худоро ҳаргиз касе надидааст; Писари ягонае ки дар оғӯши Падар аст, Ӯро зоҳир кард» (Юҳ. 1,18). Худованд оид ба Худ гуфт: «Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст ...» (Юҳ. 14,9). Масеҳ на танҳо *аз* номи Худо, балки низ *ҳамчун* Худо сухан меронд.

Бартарии беандозаи Писари Худоро бар пайғамбарон таъкид карданӣ шуда, муаллиф пеш аз ҳама Ӯро ҳамчун *вориси ҳама чиз* тасвир мекунад. Ин маънои онро дорад, ки мувофиқи қарордоди Худо тамоми олам ба Ӯ тааллуқ дорад ва ба наздикӣ Ӯ бар он ҳукмронӣ хоҳад кард.

Худо *оламҳоро* маҳз ба *воситаи Ӯ ба вуҷуд овард*. Исои Масеҳ иштирокчии фаъоли офариниш буд. Ӯ осмони ситоразор, атмосфера, замин, башарият ва нақшаи илоҳии оламро офарид. Ҳама гуна офариниш, ҳам рӯҳонӣ ва ҳам ҷисмониро Ӯ офаридааст.

**1,3** Ӯ *дурахши ҷалоли* Худост; ин маънои онро дорад, ки тамоми камолоте ки хоси Худо Падар аст, дар Ӯ низ ҳаст. Мо дар Ӯ тамоми зебоии ахлоқӣ ва рӯҳонии Худоро мебинем.

Илова бар ин, Худованд Исои Масеҳ – *инъикоси* аниқи *моҳияти* Худост. Ин ҷо, албатта, сухан на дар бораи монандии ҷисмонӣ меравад, чунки Худо, моҳиятан, Рӯҳ аст. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳама ҷиҳатҳои тасаввуршаванда Масеҳ ифодакунандаи аниқи Падар аст. Монандие бештар аз ин буда наметавонад. Худо буда, Писар бо суханон ва рафтори Худ чигунагии Худоро ошкор менамояд.

Ва Ӯ оламро *бо каломи қуввати Худ нигоҳ доштааст*. Дар ибтидо Ӯ бо сухан оламро офарид (Ибр. 11,3). Ӯ то ҳол сухан меронад, ва *каломи* пурқудрати Ӯ ҳаётро давом мебахшад, материяро аз вайроншавӣ бозмедорад, тартиби заруриро дар олам нигоҳ медорад. Маҳз дар Ӯ ҳама чиз вуҷуд дорад (Кул. 1,17). Тафсири одии яке аз масъалаҳои ҷиддии илмӣ дар ҳамин аст. Олимон зӯр зада сирри қувваеро, ки молекулаҳоро якҷоя нигоҳ медорад, ошкор карданӣ мешаванд. Ин ҷо бошад мо мефаҳмем, ки тамоми оламро Исо нигоҳ медорад ва Ӯ инро ба воситаи сухани пурқудрати Худ мекунад.

Аммо кори дигари шоёни ҷалоли Наҷотдиҳандаи мо аз ҳама ҳайратовартар аст: Ӯ *моро аз гуноҳ пок кард*. Офаридгор ва Тавонои Мутлақи олам гуноҳро ба дӯш гирифт. Барои офаридани олам сухан ба забон овардани Ӯ кофӣ буд. Барои нигоҳ доштани олам ва идора кардани он кофист, ки Ӯ сухане бигӯяд, чунки ҳеҷ як мушкилии ахлоқиро ҳал кардан лозим намеояд. Аммо барои абадан нест кардани гуноҳҳои мо Ӯ мебоист дар салиби Ҷолҷолто мемурд. Фикр оид ба он ки Худованди соҳибихтиёр розӣ шуд, ки то дараҷаи Барраи қурбонӣ паст фарояд, то умқи ҷон ба изтироб меорад. «Ин муҳаббати ҳайратовари илоҳӣ ҷони маро, ҳаёти маро, тамоми вуҷуди маро металабад», навишта буд Исаак Воттс.

Охируламр, мо оид ба баланд шудан, ба тахт боло бурда шудани Худованд мехонем: Ӯ *аз дасти рости Кибриё дар афроз нишаст*. Нишаст – ҳолати оромист. Ин на он оромиест, ки аз пайи меҳнати пуршиддат меояд, балки оромии қаноатмандии баъди анҷоми меҳнат аст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки меҳнати наҷот ба анҷом расидааст.

*Аз дасти рости Кибриё дар афроз* – ҷои ифтихорӣ, ҷои имтиёзҳост (Ибр. 1,13). Азбаски Ӯ ғалабаи пурҷалоле ба даст овард, Худо Ӯро ба афроз бардошт. Ҷой дар дасти рост – ҳамчунин вазъияти қудрат (Мат. 26,64) ва хурсандист (Заб. 15,11). Дасти бо мех сӯрохшудаи Наҷотдиҳанда ҷӯбдасти ҳукмрони оламро медорад (1Пет. 3,22).

Аз офариниш ба Ҷолҷолто ва баъд ба ҷалол аз пайи Худовандамон раҳсипор шуда, мо пайғамбаронро аз назар дур гузоштем. Онҳо ҳар қадар бузург бошанд ҳам, акнун ба соя барканор шуданд. Онҳо оид ба Масеҳи меомада шаҳодат медоданд (Аъм. 10,43). Акнун бошад, ҳангоме ки Ӯ омад, онҳо бо хурсандӣ аз мадди назари мо рафтанд.

### Б. Бартарии Масеҳ аз фариштагон (1,4–2,18)

**1,4** Ҳалқаи дигар дар силсилаи далелҳо нишон додани бартарии Исо бар *фариштагон* аст. Ин зарур буд, чунки халқи яҳудӣ хизмати фариштагонро бисёр эҳтиром мекарданд. Охируламр, шариат ба воситаи фариштагон дода шуда буд (Аъм. 7,53; Ғал. 3,19), ва дар давоми тамоми таърих мавҷудоти фариштавӣ ба халқи Худо бисёр зоҳир мешуданд. Пурра имкон дорад, ки яҳудиён изҳор мекарданд, гӯё аз

яҳудият даст кашида, инсон аз ин хусусияти муҳими мероси миллӣ ва динии худ ҳама гуна алоқаро меканад. Аммо ҳақиқат дар он аст, ки Масеҳро ба даст оварда, вай Онеро ба даст меоварад, ки чун Писари Худо (1,4-14) ва чун Писари Одам (2,5-18) аз фариштаҳо бартарӣ дорад.

Масеҳ ба ҳамон андоза ки аз фариштаҳо бартарӣ пайдо кард, аз онҳо номи аълотаре низ мерос гирифтааст. Ин ҷо аввал оид ба бартарии ба даст омада, сипас оид ба бартарии ба Ӯ хос гуфта мешавад.

Бартарии ба даст омада аз растохез, ба осмон рафтан ва чун Худованд ва Масеҳ болобардор шудани Ӯ бармеояд. Барои азобҳои марг таҷассум ёфта, Ӯ муваққатан аз фариштагон паст шуд (2,9). Аммо Худо Ӯро болобардор кард ва дар ҷалоли олитарин бар тахт баровард.

Бартарии ба Ӯ хос ба муносибати Ӯ чун Писари Худо дахл дорад, ки Ӯ онро аз азал дошт. *Номи аълотар* «Писар» мебошад.

**1,5** Акнун муаллиф ду оятро аз Аҳди Қадим иқтибос меорад, ки Масеҳро бо Писари Худо як меҳисобанд. Ояти якум аз Забур 2,7 аст, ки он ҷо Худо ба Ӯ чун ба Писар муроҷиат мекунад: «Ту *Писари Ман ҳастӣ; Ман имрӯз Падари Ту шудаам*». Аз як тараф, Масеҳ Писари абадист. Аз тарафи дигар, Ӯ дар таҷассум зода шудааст. Аз тарафи сеюм, вай дар растохез зода шуда буд – нахустзода аз мурдагон (Кул. 1,18). Павлус ин оятро дар куништ дар Антокияи Писидия ҳангоми суханронӣ оид ба омадани якуми Масеҳ ба кор буда буд (Аъм. 13,33).

Ин ҷо чизи асосӣ он аст, ки Худо ҳеҷ кадом фариштаро *Писари* Худ наномида буд. Ҳамаи фариштагон дар якҷоягӣ писарони Худо номида мешаванд (Айюб 1,6), аммо дар ин маврид ин танҳо маънои онро дорад, ки онҳо офаридагони Ӯ мебошанд. Аммо ҳангоме ки оид ба Худованд Исо чун оид ба Писари Худо гуфта мешавад, ин аз баробарии Ӯ бо Худо шаҳодат медиҳад.

Ояти дуюм аз 2Самуил 7,14 гирифта шудааст: *«Ман ба Ӯ Падар мешавам, ва Ӯ ба Ман Писар мешавад»* Агарчи метавонад чунин тобад, ки ин суханон ба Сулаймон дахл доранд, ин ҷо Рӯҳулқудс ба онҳо чун ба суханоне ишора мекунад, ки ба писари бузургтари Довуд дахл доранд. Ин ҷо далел боз ҳам он аст, ки Худо ба ҳеҷ кадом фаришта чизе монанди ин нагуфтааст.

**1,6** Исботи сеюми бартарии Масеҳ бар фариштагон чунин аст: Ӯ объекти парастиши онҳост, онҳо бошанд – фиристодагон ва хизматгоронаш. Муаллиф барои тасдиқи ин фикр Такрори Шариат 32,43 ва Забур 96,7-ро иқтибос меорад.

Дар оят аз Такрори Шариат оид ба вақте ки Ӯ *Нахустзодаро ба ҷаҳон дохил мекунад,* ё, дигар хел карда гӯем, оид ба омадани дуюми Масеҳ гуфта мешавад. Он гоҳ фариштагон ба Ӯ дар назди ҳама саҷда хоҳанд кард. Ин танҳо онро ифода карда метавонад, ки Ӯ Худост. Ғайр аз Худо, ба каси дигаре саҷда кардан бутпарастист. Ин ҷо бошад Худо амр мефармояд, ки *фариштагон* ба Худованд Исои Масеҳ саҷда намоянд.

*«Нахустзода»* метавонад маънои аввалин аз ҷиҳати вақтро дошта бошад (Луқ. 2,7) ё аввалин аз ҷиҳати мартаба ва иззату эҳтиром (Заб. 88,28). Ин ҷо, ва низ дар Румиён 8,29 ва Кулассиён 1,15.18 ин калима ба маънои дуюм истифода шудааст.

**1,7** Бо Писари аз азал вуҷуддоштаи Худ монанд набудани онҳоро таъкид намуда, Худо *фариштагони Худро бодҳо* (ё рӯҳҳо) *мегардонад ва хизматгорони Худро – алангаи оташ.* Ӯ Офаридгор ва Фармондеҳи *фариштагон* аст. Онҳо ба Ӯ бо суръати бод ва бо сӯзиши *оташ* итоат мекунанд.

**1,8** Сипас рӯйхати бузургиҳо меояд, ки дар онҳо касе ба *Писар* баробар нест. Аввалини онҳо он аст, ки Худо ба Ӯ чун ба *Худо* муроҷиат мекунад. Дар Забур 44,7 Худо Падар Масеҳро бо суханони зерин шодбош мегӯяд: *«Тахти Ту, эй Худо, то абад аст»*. Ин ҷо боз илоҳияти Масеҳ аён аст ва далел аз матни анъанавии яҳудӣ гирифта шудааст. (Дар ҳар як боби Нома ба Ибриён ақаллан як иқтибос аз Аҳди Қадим ҳаст.)

Ӯ Ҳукмрони абадист; тахти Ӯ *то абад аст.* Подшоҳии Ӯ ҳақиқатан то ақсои олам тӯл хоҳад кашид.

Ӯ Подшоҳи одил аст. Сарояндаи Забур мегӯяд, ки Ӯ *асои адолатро* дар даст дорад – ин ифодаи шоирона буда, маънояш он аст, ки Подшоҳ аз рӯи виҷдон ва инсоф ҳукм меронад.

**1,9** Оиди боинсофии шахсии Ӯ он факт шаҳодат медиҳад, ки Ӯ *адолатро дӯст дошта, аз бадкорӣ нафрат* дорад. Бешубҳа, ин пеш

аз ҳама ба сию се соли ҳаёти Ӯ дар рӯи замин дахл дорад, ки дар давоми онҳо Худо ягон норасоиро дар хислати Ӯ ва ягон хаторо дар рафтори Ӯ ёфта наметавонист. Ӯ исбот кард, ки сазовори Ҳукмрон шудан аст.

Сифатҳои олии Ӯро ба эътибор гирифта, *Худо* Ӯро *бо равғани шодмонӣ бештар аз рафиқонаш масҳ* кард. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ ба Масеҳ ҷои бартар аз ҳамаи мавҷудотро дод. *Равған* ин ҷо чун рамзи Рӯҳулқудс хизмат карда метавонад: Масеҳ беш аз ҳама бо Рӯҳулқудс пур буд (Юҳ. 3,34). *Рафиқони* Ӯ онҳое мебошанд, ки Ӯ ҳамроҳашон амал мекард, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо ба Ӯ баробар буданд. Шояд, ба қатори онҳо фариштагон низ медароянд, аммо, аниқтараш, ин ҷо бародарони яҳудии Ӯ дар назар дошта шудаанд.

**1,10** Худованд Исои Масеҳ Офаридгори замину осмон аст. Забур 101,25-27 оид ба ин шаҳодат медиҳад. Дар ин тарона Масеҳ дуо мекунад: «Эй Худои ман! Маро ... набар» (о. 25). Ба ин дуо дар Ҷатсамонӣ ва Ҷолҷолто Худо Падар ҷавоб дод: «Дар замони қадим Ту заминро бунёд кардаӣ, ва осмон амали дастҳои Туст».

Ба он диққат диҳед, ки ин ҷо, дар ояти 10, Худо ба Писари Худ чун ба *Худованд,* яъне ба Яҳува, муроҷиат мекунад. Ин ҷо хулоса аён аст: Исои Аҳди Нав – Яҳуваи Аҳди Қадим аст.

**1,11-12** Дар оятҳои 11 ва 12 зудгузар будани офарида ба ҷовидон будани Худо муқобил гузошта мешавад. Офаридаҳои Ӯ *аз байн мераванд,* аммо Худи Ӯ *пойдор мемонад.* Агарчи ба мо чунин менамояд, ки моҳ, офтоб, ситораҳо, кӯҳҳо, уқёнусҳо фанонашавандаанд, дар асл дар онҳо механизми пиршавӣ гузошта шудааст. Сароядаи Забур онҳоро ба *либос* монанд мекунад: аввал он кӯҳна мешавад, сипас онро чун чизи нодаркор печонида, бо ягон чизи беҳтар иваз мекунанд.

Ба силсилаи қуллаҳои пурбарфи кӯҳсор, ба ғуруби дилпазир, ба осмони ситоразор нигаред. Сипас ба садои бовиқори ин суханон гӯш диҳед: *«чун ҷомае онҳоро мепечонӣ, ва онҳо дигаргун мешаванд; аммо Ту ҳамон ҳастӣ, ва солҳои Ту тамом намешаванд».*

**1,13** Барои тасдиқи бартарии Писар боз як иқтибос оварда мешавад (Заб. 109,1). Дар ин тарона Худо Масеҳро даъват мекунад: *«Аз дасти рости Ман нишин, то душманони Туро зери пои Ту андозам».* Саволе дода мешавад: «Ба кадоме аз фариштагон чунин гуфта шудааст?» Албатта, ҷавоб ин аст: «Ба ҳеҷ кас».

Ҷой *аз дасти рости* Худо рамзи мартабаи иззатноктарин ва ҳокимияти номаҳдудро дорад. *Зери пои* Ӯ андохта шудани тамоми душманон рамзи итоати ҳамагонӣ ва ҳукмфармоӣ бар ҳама ва ҳама чиз аст.

**1,14** Вазифаи фариштагон на дар он аст, ки ҳукмронӣ кунанд, балки дар он аст, ки хизмат кунанд. Онҳо рӯҳҳоянд, ки аз ҷониби Худо *барои хизмати онҳое фиристода мешаванд, ки вориси наҷот мешаванд.* Инро ду хел маънидод кардан мумкин аст: ё фариштаҳо ба онҳое хизмат мекунанд, ки ҳанӯз тавба накардаанд, ё ба онҳое хизмат мекунанд, ки аз ҷазо барои гуноҳ ва аз ҳукмронии он наҷот ёфтаанд, аммо аз ҳузури он халос нашудаанд, яъне ба он масеҳиёне ки ҳанӯз дар рӯи замин ҳастанд.

Ин маънои онро дорад, ки фариштаҳои нигаҳбон вуҷуд доранд. Оё ин ҳақиқат шуморо ҳайрон мекунад? Шубҳае нест, ки рӯҳҳои бад вуҷуд доранд, ки зидди баргузидагони Худо ҷанги тамомнашаванда мебаранд (Эфс. 6,12). Оё боиси ҳайрат аст, ки фариштагони муқаддас ҳастанд, ки ба *наҷот* даъватшудагонро хифз мекунанд?

Аммо ба фикри асосии ин оят бармегардем – на ба мавҷудияти фариштагони нигаҳбон, балки ба он факт, ки фариштагон аз Писари Худо поёнтаранд, айнан ҳамон тавре ки хизматгорон аз Худованди олам поёнтаранд.

**2,1** Муаллиф худи ҳозир исботи он ҳақиқатеро овард, ки Масеҳ беандоза аз фариштагон беҳтар аст, чунки Ӯ Писари Худост. Пеш аз нишон додани он, ки Ӯ аз онҳо чун Писари Одам бартарӣ дорад, муаллиф диққатро ба дигар тараф ҷалб мекунад, то аз байни як силсила огоҳониданҳо, ки дар ин нома ҳастанд, аввалинашро зикр кунад. Инак он огоҳонидан, ки аз Хушхабар *дур нашавем.*

Азбаски ҳам Атокунанда ва ҳам Атои Ӯ хеле азиманд, тамоми онҳое ки Хушхабарро шунидаанд, бояд ба он *махсусан бодиққат бошанд.* Дар ҳар қадам онҳоро хатари аз Шахсият дур шудан, аз нав сӯи дини тимсолҳо ғеҷидан, яъне аз имон дур шудан, содир кардани гуноҳе интизор аст, ки барояш тавба нест.

**2,2** Мо аллакай гуфта будем, ки яҳудиён дар таърихи худ ба хизмати фариштагон аҳамияти махсус медоданд. Мисоли равшантарини

ин, шояд, он ҳақиқате буд, ки шариат дар ҳузури миқдори номаҳдуди фариштагон дода шуда буд (Так. Шар. 33,2; Заб. 67,18). Шариат ҳақиқатан *ба воситаи фариштагон гуфта шудааст*. Он ҳақиқатан эътибор дошт. *Ҳар* кӣ онро вайрон кунад, подоши одилона мегирифт. Ин аз тарафи умум эътироф шуда буд.

**2,3** Аммо акнун исбот инкишоф ёфта, аз хурд ба калон мегузарад. Агар вайронкунандагони шариат гирифтори ҷазо мешуда бошанд, пас онҳоеро, ки ба Хушхабар *беэътиноӣ* мекунанд, чӣ интизор аст? Шариат ба одамон нишон медиҳад, ки чӣ бояд кунанд; Хушхабар мегӯяд, ки Худо чӣ кардааст. Ба воситаи шариат дониш оид ба гуноҳ меояд, ба воситаи Хушхабар дониш оид ба *наҷот* меояд.

Беэътиноӣ ба *чунин наҷоти бузург* ҷиноятест бештар аз вайрон кардани шариат. Шариатро Худо ба воситаи фариштагон ба Мусо, ва баъд ба халқ дода буд. Хушхабарро бошад онҳо бевосита аз Худованд Исо шунида буданд. Илова бар ин масеҳиёни аввал мавъизаҳоро барои *тасдиқи* он аз забони расулон ва дигароне шунида буданд, ки Наҷотдиҳандаро *шунидаанд*.

**2,4** *Худо* Худаш ҳаққонияти хабарро *ба воситаи аломатҳо ва муъҷизаҳо, ва ҳар навъ қувваҳо, ва атои Рӯҳулқудс шаҳодат дод. Аломатҳо* – он муъҷизаҳое мебошанд, ки Худованд ва расулон ба амал меоварданд ва онҳо рамзи ҳақиқатҳои рӯҳонӣ буданд. Масалан, сер кардани панҷ ҳазор (Юҳ. 6,1-14) барои насиҳат оид ба Нони ҳаёт (Юҳ. 6,25-59), ки баъди он омад, асос шуд. Мақсади асосии *муъҷизаҳо* ба ҳайрат овардани шоҳидон аст; мисоли равшани ин – растохези Элъозор аст (Юҳ. 11,1-44). *Қувваҳо* зуҳуроти иқтидори фавқуттабиӣ мебошанд, ки қонунҳои табиатро вайрон мекунад. *Атои Рӯҳулқудс* ба одамон қобилият медод, ки хеле афзунтар аз имкониятҳои табиияшон сухан гӯянд ва амал кунанд.

Мақсади ҳамаи ин муъҷизаҳо – шаҳодат оид ба ҳаққонияти Хушхабар аст, хусусан дар назди халқи яҳудӣ, ки аз рӯи анъана, пеш аз бовар кардан ягон аломате талаб мекард. Якчанд далелҳои тасдиқкунандаи он ҳастанд, ки баробари пайдо шудани имконияти истифодаи Аҳди Нави дар лӯлапечҳо навишташуда эҳтиёҷ ба муъҷизаҳо аз байн рафтааст. Бо вуҷуди ин исбот кардан имкон надорад, ки Рӯҳулқудс ин муъҷизаҳоро дар асрҳои оянда ҳеҷ гоҳ такрор намекунад.

Калимаҳои *«аз рӯи хости Худ»* ба он ишора мекунанд, ки Рӯҳулқудс ин лаёқатҳоро ба одамон аз рӯи интихоби Худ ато мекунад. Онҳо атои соҳибихтиёронаи Худо мебошанд. Одамон ҳуқуқ надоранд онҳоро талаб кунанд ё чун ҷавоб ба дуо интизор шаванд, чунки Худо ҳеҷ гоҳ ваъда надодааст, ки онҳоро ба ҳама медиҳад.

**2,5** Дар боби якум мо дидем, ки Масеҳ чун Писари Худо аз фариштагон бартарӣ дорад. Акнун нишон дода мешавад, ки Ӯ чун Писари Одам аз онҳо бартарӣ дорад. Рафти фикрронии муаллифро мушоҳида кардани мо осонтар мешавад, агар ба ёд оварем, ки дар фаҳмиши яҳудиён таҷассуми Масеҳ ба ҳақиқат монанд набуд, ва таҳқир шудани Ӯ бошад шармандагӣ ҳисобида шуд. Барои яҳудиён Исо фақат одам буд ва аз фариштагон поёнтар буд. Дар оятҳои баъдина нишон дода шудааст, ки Исо ҳатто чун Одам аз фариштагон болотар буд.

Пеш аз ҳама зикр шудааст, ки Худо фармоне набаровардааст, ки мувофиқи он тамоми *ҷаҳони оянда* ба зери назорати *фариштагон* мегузашта бошад. *Ҷаҳони оянда* ин ҷо – ҳамон асри тиллоии осоиш ва гулгулшукуфист, ки пайғамбарон оид ба он ин қадар бисёр мегуфтанд. Мо онро Подшоҳии Ҳазорсола меномем.

**2,6** Барои нишон додани он ки дар оянда ҳукмронӣ бар замин на ба фариштагон, балки ба одам дода мешавад, ин ҷо Забур 8,5-7 иқтибос карда мешавад. Агарчи одам ба як маъное камаҳамият аст, боз ҳам Худо ӯро *ёд* дорад. Агарчи одам ба як маъное ночиз аст, боз ҳам Худо оид ба вай ғамхорӣ мекунад.

**2,7** Дар тартиби офариниш ба одам ҷои поёнтар аз фариштаҳо дода шуда буд. Вай на дар дониш ба онҳо баробар шуда метавонад, на дар суръати ҷойивазкунӣ ва на дар қувват. Илова бар ин вай миранда аст. Аммо бо вуҷуди ин дар мақсадҳои Худо муқаррар шудааст, ки *ба сари* одам *тоҷи ҷалол ва иззат гузошта* шавад. Имкониятҳои ками бадан ва ақли ӯ хеле васеъ карда мешаванд, ва ӯ дар замин сарафроз карда мешавад.

**2,8** Дар оянда ҳама чиз ба ҳукми одам тобеъ карда мешавад: беварҳои фариштагон, олами ҳайвонот, парандагон ва моҳиён,

системаи офтобӣ – ҳар як қисми олами офаридашуда тахти назорати ӯ хоҳад буд.

Ҳамин буд мақсади ибтидоии Худо оид ба одам. Масалан, Ӯ ба вай фармуд: «Заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед, ва бар моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед» (Ҳас. 1,28).

Пас чаро мо *ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад?* Гап дар он аст, ки одам дар лаҳзаи гуноҳ карданаш ҳукмрониро аз даст дод. Маҳз гуноҳи Одам ба ҳамаи офариниш лаънатро овард. Офаридаҳое ки пештар мутеъ буданд, акнун ваҳшӣ шуданд.

Замин ба рӯёндани хору хас сар кард. Ҳукмронии одам бар табиат зери шубҳа гузошта шуд ва маҳдуд гардид.

**2,9** Бо вуҷуди ин, ҳангоме ки Писари Одам барои бар замин подшоҳӣ кардан бозмегардад, ҳукмронии одам барқарор мегардад. Исо чун Инсон ҳама чизи гумкардаи Одамро барқарор мекунад, ва зиёда аз он. Бинобар ин, агарчи мо ҳоло намебинем, ки ҳама чиз зери назорати одам бошад, мо *Исоро* ва дар Ӯ ҷавобро ба ҳукмфармоии одам бар замин *мебинем*.

Ба муддати кӯтоҳ, аниқтараш дар давоми сию се соли хизмати заминии Худ Ӯ аз *фариштагон* паст шуд. Ӯ аз осмон ба Байт-Лаҳм, ба Ҷатсамонӣ, ба Ҷабто, ба Ҷолҷолто ва ба қабр фаромада, тамоми роҳи таҳқирро гузашт. Аммо акнун Ӯ *тоҷи ҷалол ва иззат бар сар дорад*. Болобардор шудани Ӯ натиҷаи азобҳо ва марги Ӯст; салиб боиси тоҷ гардид.

Худо бо ҳамаи ин як мақсади раҳмдилона дошт, то Масеҳ *маргро барои ҳама бичашад*. Наҷотдиҳанда барои мо чун ивазкунанда мурд, яъне Ӯ чун одам ва барои одам мурд. Дар салиб Ӯ тамоми ҷазои Худоро барои гуноҳ дар бадани Худ бардошт, то ҳеҷ гоҳ ба ҳамаи онҳое ки ба Ӯ имон доранд, бардоштани он лозим наояд.

**2,10** Ба воситаи таҳқир шудани Наҷотдиҳанда барқарор гаштани ҳукмронии одам ба хислати одилонаи Худо пурра мувофиқат мекард. Гуноҳ тартиби илоҳиро вайрон кард. Пеш аз он ки аз бетартибӣ тартиб барқарор карда шавад, масъалаи гуноҳро одилона ҳал кардан лозим буд. Он факт, ки Масеҳ бояд азоб мекашид, хунаш рехта мешуд ва Ӯ мемурд, то одамро аз гуноҳ халос кунад, бо хислати поки Худо мувофиқат мекард.

Лоиҳакаши Хирадманд чун Касе *ки ҳама чиз барои Ӯст ва ҳама чиз аз Ӯст*, тасвир шудааст. Пеш аз ҳама Ӯ мақсади тамоми офариниш аст, ҳама чиз барои ҷалол ва хурсандии Ӯ офарида шуда буд. Аммо Ӯ ҳамчунин Муаллифи тамоми офариниш аст, ҳеҷ чиз бе Ӯ офарида нашуда буд.

Мақсади бузурги Ӯ *ба ҷалол расондани писарони бисёр* буд. Ношоямии худамонро ба ҳисоб гирифта, ҳайрон мешавем, ки Ӯ умуман бо мо сару кор дорад; аммо танҳо барои он ки Ӯ Худои ҳама гуна файз аст, Ӯ моро ба ҷалоли ҷовидонии Худ даъват намуд.

Нархи ҷалол ёфтани мо кадом аст? *Пешвои наҷоти* мо мебоист *ба воситаи азобҳо* комил мегардид. Агар сухан дар бораи симои маънавии Ӯ равад, Худованд Исо ҳамеша бегуноҳи комил буд. Аз ин ҷиҳат Ӯ ҳеҷ гоҳ комил шуда наметавонист. Ӯ мебоист чун Наҷотдиҳандаи мо *комил* мешуд. Барои он ки баҳри мо наҷоти ҷовидониро ба даст оварад, Ӯ мебоист ҳамаи ҷазоҳоеро, ки гуноҳи мо сазовори он буд, аз сар мегузаронд. Ҳаёти бенуқсони Ӯ моро наҷот дода наметавонист; барои ин марги ивазкунандаи Ӯ лозим буд.

Худо барои наҷот додани мо воситаеро ёфт, ки лоиқи Худаш буд. Ӯ Писари ягонаи Худро фиристод, то ба ҷои мо бимирад.

**2,11** Дар се ояти оянда таъкид карда мешавад, ки Исо Инсони комил буд. Агар Ӯ ҳукмронии гумкардаи Одамро аз нав ба даст овардани бошад, Ӯ мебоист нишон медод, ки ҳақиқатан Инсон аст.

Дар аввал факт баён карда мешавад: «*Зеро ки ҳам Муқаддаскунанда ва ҳам муқаддасшавандагон, ҳама аз Ягона ҳастанд*», яъне ҳамаи онҳо табиати инсонӣ доранд. Ё ин ки онҳо «ҳама аз як сарчашма ҳастанд», яъне чун одамон онҳо ҳама як Худо ва Падар доранд.

*Муқаддаскунанда* Масеҳ аст, маҳз Ӯ одамонро аз ҷаҳон барои Худо ҷудо мекунад. Муборақанд ҳамаи шахсоне ки Ӯ онҳоро ин гуна ҷудо мекунад!

Шахс ё предмети муқаддасшуда онест, ки доираи вазифаҳои ҳаррӯзаи худро тарк кард, то ба Худо тааллуқ дошта бошад, ба Ӯ хизмат кунад ва Ӯро шод кунад. Антоними калимаи «муқаддас кардан» «беҳурмат кардан» аст.

Навиштаи Муқаддас оид ба чор намуди муқаддасшавӣ сухан меронад: муқаддасшавӣ то бозгашт кардан, муқаддасшавӣ аз

рӯи мартабаи ишғолкарда, муқаддасшавии амалӣ ва муқаддасшавии комил. Ин намудҳои муқаддасшавӣ дар тафсир ба 1Тасолуникиён 5,23, дар қисми «Муқаддасшавӣ», ки бо диққат омӯхтан лозим аст, муфассал тадқиқ карда шудаанд.

Хонанда бояд матни Нома ба Ибриёнро дар ҷустуҷӯи порчаҳое ки муқаддасшавӣ зикр шудааст, дақиққорона кор карда бояд, ва кӯшиш кунад, то аниқ намояд, ки дар онҳо оид ба кадом намуди муқаддасшавӣ сухан меравад.

Маҳз барои он ки Исо Инсони ҳақиқӣ шуд, *Ӯ ор намекунад,* ки пайравони Худро *бародар* хонад. Оё имкон дорад, ки Тавонои мутлақи олам одам шавад ва Худро ба андозае бо офаридаи дастони худ ҳамонанд созад, ки онҳоро *бародар* номад?

**2,12** Ҷавобро Забур 21,23 медиҳад, ки он ҷо Ӯ мегӯяд: *«Номи Туро ба бародаронам маълум менамоям».* Дар худи ҳамин оят Ӯ ҳамчунин Худро бо халқи Худ дар ибодати он ҳамонанд мекунад: *«Дар миёни ҷамоат Туро бо суруд ситоиш мекунам».* Дар ҳолати назъи пеш аз марг буда, Ӯ оид ба он рӯзе фикр мекард, ки издиҳоми бозхаридашударо дар мадҳи Худо Падар сарварӣ хоҳад кард.

**2,13** Барои тасдиқи ҳақиқат оид ба табиати инсонии Масеҳ боз ду оят аз Навиштаҳои яҳудӣ иқтибос оварда мешаванд. Дар Ишаъё 8,17) Ӯ оид ба умедворияш ба Худо сухан меронад. *Боварии* беканор ба Худованд – яке аз нишонаҳои бузургтарини табиати ҳақиқии инсонист. Сипас, дар Ишаъё 8,18 суханони Худованд оварда мешаванд: «Инак ман ва фарзандоне ки Худованд ба ман додааст». Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки онҳо аъзоёни як оила ҳастанд, ки Падари умумиро эътироф мекунад.

**2,14** Онҳоеро, ки мувофиқи ақидаашон, хоршавии Масеҳ Ӯро беобрӯ кардааст, муаллиф даъват мекунад, ки баракати аз азобҳои Ӯ бармеомадаро аз назар гузаронанд.

Аввалини онҳо – сарнагун кардани шайтон аст. Ин чӣ гуна ба амал омад? Худо ба маънои маълум фарзандони Худро ба Масеҳ дод, то Ӯ онҳоро пок намояд, наҷот диҳад ва озод кунад. Азбаски ин одамон табиати инсонӣ доштанд, Худованд Исо низ ҷисм ва хунро қабул кард. Ӯ зуҳуроти берунии илоҳияти Худро барканор гузошт ва моҳияти илоҳии Худро ба «либосе аз фано» пӯшонд.

Аммо дар Байт-Лаҳм роҳи Ӯ ба анҷом нарасид. «Ба хотири ман Ӯ тамоми роҳро то Ҷолҷолто тай намуд!»

Бо *марги* Худ Исо *соҳиби қудрати маргро, яъне иблисро нобуд намуд.* Исо ӯро нобуд кард, аммо на ба он маъное ки аз ҳастӣ маҳрум кард, балки ба он маъное ки қудрати ӯро ҷовидона барҳам дод. Ӯ вайро ба ҳеҷ табдил дод. Шайтон то ҳол фаъолона зидди ба даст овардани мақсадҳои Худо дар ин ҷаҳон мебароояд, аммо дар салиб ба вай зарбаи ҳалокатовар расонда шуд. Вақти вай кӯтоҳ буда, марги вай ногузир аст. Вай душман аст, аммо мағлубшуда.

Ба кадом маъно шайтон *соҳиби қудрати марг* аст? Ин ҷо, аз афташ, дар назар дошта шудааст, ки қудрати шайтон бар марг дар он аст, ки вай онро талаб мекунад. Гуноҳ маҳз ба воситаи шайтон ба ҷаҳон омад. Қуддусияти Худо оид ба марги ҳамаи гуноҳкардагон фармон дод. Бинобар ин шайтон дар нақши айбдоркунанда барои гуноҳ ҷазоро талаб карда метавонад.

Дар кишварҳои бутпараст ин қудрати вай дар он зоҳир мегардад, ки намояндагони вай, ҷодугарон, метавонанд ба одам лаънат оваранд, ва он гоҳ ин одам бе ягон сабаби табиӣ мемирад.

Дар Навиштаи Муқаддас ягон ишорае нест, ки шайтон бе иҷозати пешакӣ аз Худо ба имондор маргро оварда метавониста бошад (Айюб 2,6), аз ин сабаб вай ҳамчунин наметавонад қарор диҳад, ки вақти зиндагии масеҳӣ кай ба поён расидааст. Баъзан ба вай имкон дода мешавад, ки ба воситаи одамони бад масеҳиро ба ҳалокат расонад. Аммо Исо шогирдони Худро огоҳӣ дода буд, ки бояд на аз онҳое тарсанд, ки ҷисмро кушта метавонанд, балки аз Худо тарсанд, ки метавонад ҳам ҷисмро ва ҳам ҷонро дар дӯзах нобуд кунад (Мат. 10,28).

Дар Аҳди Қадим Ҳанӯх ва Илёс маргро надида ба осмон рафтанд. Ин, бешубҳа, танҳо аз он сабаб рӯй дод, ки онҳо, чун имондорон, дар марги Масеҳ, ки он вақт ҳанӯз ба оянда дахл дошт, мурда ҳисобида шуда буданд.

Ҳангоме ки Масеҳ дар вақти ба осмон бурдани Калисо меояд, ҳамаи масеҳиёни он вақт мезиста маргро аз сар нагузаронда, ба осмон бурда мешаванд. Аммо онҳо маргро намебинанд, чунки қуддусияти Худо нисбати онҳо

бо марги Масеҳ қонеъ карда шуд. Масеҳи аз нав зиндашуда калиди дӯзах ва маргро дорад (Ваҳй 1,18), яъне Ӯ бар онҳо қудрати пурра дорад.

**2,15** Баракати дуюм, ки решаҳояш дар хоршавии Масеҳ аст, халосӣ аз *тарс* аст. То салиб *тарси марг* одамонро дар ғуломии якумра нигоҳ медошт. Агарчи дар Аҳди Қадим ҷилоҳои ками рӯшноӣ оид ба ҳаёт пас аз марг вомехӯранд, муҳити умумии он – муҳити номуайянӣ, даҳшат ва торикӣ буд. Ҳар он чи он вақт дар ғубор буд, акнун возеҳ ва равшан шуд, чунки Масеҳ бо Хушхабари худ ба ҳаёт ва бефаноӣ равшанӣ андохт. (2Тим. 1,10).

**2,16** Баракати бузурги сеюм – пӯшидани гуноҳ аст. Бо омадани Худ ба ҷаҳон Худованд ба *фариштагон* ёрӣ надодааст, Ӯ ба *насли Иброҳим* дасти ёрӣ дароз кардааст. *«Дастгирӣ кардан»* тарҷумаи калимаи юнонии «эпиламбано» – «капидан», «ба чанг гирифтан» аст. Азбаски ин ҷо, бархилофи ҳамаи ҳолатҳои дигар, ин феъл чанг заданро ифода карда наметавонад, он оид ба ёрӣ ва халосӣ мегӯяд.

Бо ибораи *насли Иброҳим* авлодони табиӣ – яҳудиён, ё насли рӯҳонӣ – имондорони ҳамаи замонҳо дар назар дошта шуда метавонанд. Ин ҷо он чиз низ муҳим аст, ки онҳо на фариштаҳо, балки мавҷудоти инсонӣ мебошанд.

**2,17** Бинобар ин ба Ӯ лозим буд, ки *аз ҳар ҷиҳат ба бародарони Худ монанд шавад*. Ӯ табиати ҳақиқӣ ва комили инсониро қабул кард. Ӯ гирифтори хоҳишҳо, фикрҳо, эҳсосот ва дилбастагиҳои инсонӣ гардид – ба ғайр аз як истиснои хеле муҳим: Ӯ бегуноҳ буд. Табиати инсонии Ӯ идеалӣ буд, ба табиати мо бошад унсури бегона – гуноҳ, зада даромад.

Ба шарофати табиати комили инсонияш Ӯ метавонад *Саркоҳини марҳаматкунанда ва бовафое дар корҳои Худо бошад*. Ӯ метавонад ба одамон *марҳаматкунанда* ва ба Худо *бовафо* бошад. Вазифаи асосии Ӯ ҳамчун *Саркоҳин гуноҳҳои қавмро кафорат кардан* аст. Барои ин Ӯ кореро кард, ки ҳеҷ саркоҳини дигар ҳеҷ гоҳ накарда буд ва карда наметавонист: Ӯ Худро, бегунохро, қурбонӣ кард. Ӯ ихтиёран ба ҷои мо мурд.

**2,18** Баракати чорум ёрӣ ба *озмудашудагон* аст. Азбаски *Худи Ӯ* уқубат мекашид ва *озмуда шуд,* пас ҳамчунин метавонад ба онҳое ки аз озмоишҳо мегузаранд, *ёрӣ расонад*. Ӯ ба онҳое ки аз ин озмоишҳо мегузаранд, ёрӣ дода метавонад, чунки Худаш дар он ҷо буд.

Ин ҷо боз тавзеҳот лозим аст. Худованд Исо аз берун *озмуда шуд,* аммо аз дохил ҳеҷ гоҳ не. Озмоиш дар биёбон озмоиш аз берун буд. Ба назди Исо шайтон ҳозир шуд ва ба водоркунандаҳои берунӣ рӯ оварда, торҳои ҷони Ӯро ба ҳаяҷон оварданӣ шуд. Аммо Наҷотдиҳанда ҳеҷ гоҳ аз дохил бо ҳавасҳо ва хоҳишҳо озмуда шуда наметавонист, чунки дар Ӯ на гуноҳе буд, на он чи ба гуноҳ ҷавобе диҳад. Ӯ *аз озмоиш гузашта, азоб кашидааст*. Ба мо муқобилат ба озмоиш дард мерасонад, ба Ӯ бошад худи озмоиш дард мерасонад.

## В. Бартарии Масеҳ аз Мусо ва Юшаъ (3,1–4,13)

**3,1** Мусо яке аз муҳимтарин қаҳрамонҳои миллии Исроил буд. Бинобар ин марҳалаи сеюм дар стратегияи муаллиф – нишон додани тамоми беинтиҳоии бартарии Исо аз Мусо аст.

Ин оятҳо ба *бародарони муқаддас, ки дар даъвати осмонӣ шарик ҳастанд,* ирсол гардидаанд. Ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ дар он чи ба мартабаи онҳо дахл дорад, *муқаддасанд,* ва онҳо бояд дар он чи ба тарзи зиндагияшон дахл дорад, муқаддас бошанд. Дар Масеҳ онҳо аллакай муқаддас ҳастанд, онҳо бояд худ аз худ муқаддас бошанд.

*Даъвати осмонии* онҳо ба даъвати заминии Исроил муқобил гузошта мешавад. Муқаддасони Аҳди Қадим ба баракатҳои моддӣ дар замини барояшон ваъдашуда даъват шуда буданд (агарчи онҳо умеди осмонӣ низ доштанд). Дар давраи Калисо масеҳиён ҳозир ба баракатҳои рӯҳонӣ ва дар оянда ба мероси осмонӣ даъват шудаанд.

Ба Исо *чашм дӯзед*. Чун *Расул ва Саркоҳини эътирофи мо,* Ӯ ҳаматарафа сазовори кӯшишҳои мо барои фаҳмидани Ӯст. Ӯро чун *Расул* эътироф намуда, мо онро дар назар дорем, ки Ӯ ба мо Худоро намояндагӣ мекунад. Ӯро чун *Саркоҳин* эътироф намуда, мо онро дар назар дорем, ки Ӯ моро дар назди Худо намояндагӣ мекунад.

**3,2** Як ҷиҳате ҳаст, ки дар он Ӯ, мувофиқи розигии умум, ба Мусо монанд буд. Исо ба Худо *бовафо буд, чунон ки Мусо низ дар*

*тамоми хонаи* Худо *бовафо буд. Хона* гуфта ин ҷо на танҳо хаймаи ҷомеъ, балки тамоми он доирае дар назар дошта шудааст, ки Мусо дар он манфиатҳои Худоро ифода мекард. Ин *хонаи* Исроил, халқи қадими заминии Худост.

**3,3** Аммо бо ҳамин монандии онҳо тамом мешавад. Дар ҳар ҷиҳати дигар бартарии Исо баҳснопазир аст. Аввалан, Худованд Исо *нисбат ба Мусо сазовори ҷалоли бештаре* мебошад, зеро созандаи *хона назар ба худи хона эҳтироми бештаре дорад.* Худованд Исо Созандаи хонаи Худо буд; Мусо фақат қисми ин хона буд.

**3,4** Сониян, Исо аз Мусо бузургтар аст, чунки Ӯ Худост. *Ҳар хонаро* касе месозад. *Валекин созандаи ҳама чиз Худост.* Аз Инҷили Юҳанно 1,3, Кулассиён 1,16 ва Ибриён 1,2.10 мо мефаҳмем, ки Худованд Исо дар офариниши олам иштироки фаъолона дошт. Хулоса возеҳ аст: Исои Масеҳ Худост.

**3,5** Сеюм: Исо чун Писар низ бузургтар аст. *Мусо дар тамоми хонаи* Худо *мисли хизматгузор амин буда* (Ад. 12,7), назари одамонро ба Масеҳи меомада равона мекард. Ӯ аз он *шаҳодат медод,* ки дар оянда *бояд гуфта шавад,* яъне оид ба Хушхабари наҷот дар Исои Масеҳ. Барои ҳамин ҳам Исо боре гуфта буд: «Агар ба Мусо имон медоштед, ба Ман ҳам имон медоштед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст» (Юҳ. 5,46). Дар роҳи Аммоус Исо бо шогирдонаш суҳбат карда, аз Мусо ва пайғамбарон сар карда, «он чиро, ки дар ҳамаи Навиштаҳо дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод» (Луқ. 24,27).

**3,6** *Масеҳ* бошад дар хонаи Худо на мисли хизматгор, балки *мисли Писар* бовафо буд, ва дар ҳолати Ӯ мартабаи Писар маънои баробарӣ бо Худоро дорад. Хонаи Худо *хонаи* Худи *Ӯ* мебошад.

Ин ҷо муаллиф мефаҳмонад, ки имрӯз *хонаи* Худо гуфта чӣ дар назар дошта мешавад. Онро ҳамаи онҳое ташкил медиҳанд, ки ба Худованд Исо ҳақиқатан имон доранд: *ва хонаи Ӯ мо ҳастем, ба шарте ки ҷуръат ва фахри умедро то охир маҳкам нигоҳ дорем.*[1] Дар назари аввал чунин намуда метавонад, гӯё наҷоти мо ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза мо устуворӣ дорем. Дар ин ҳолат мо наҷотро на ба шарофати коре ки Масеҳ дар салиб ба ҷо овард, балки бо устувориямон ба даст меовардем. Дар асл ин ҷо гуфта мешавад, ки мо ба хонаи Худо тааллуқ доштанамонро бо он исбот мекунем, ки робитаро бо он нигоҳ медорем. Онҳое ки бовариро ба Масеҳ ва ваъдаҳои Ӯ гум мекунанд, нишон медиҳанд, ки ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд. Огоҳонидани навбатӣ маҳз ба муқобили ин гуна муртадӣ равона карда шудааст.

**3,7** Ин ҷо муаллиф ба матн огоҳонидани дуюми ин номаро дохил мекунад – огоҳонидан оид ба сахт шудани дил. Ин дар биёбон бо Исроил рӯй дод ва боз рӯй дода метавонад. Бинобар ин имрӯзҳо *Рӯҳулқудс* ба воситаи Забур 94,7-11 ҳамон тавре мегӯяд, ки ҳангоми ба сарояндаи Забур додани он гуфта буд: *«Имрӯз агар овози Ӯро шунавед».*

**3,8** Ҳар гоҳе ки Худо сухан гӯяд, мо бояд дар шунидан бошитоб бошем. Ба суханони Ӯ шубҳа кардан – Ӯро дурӯғгӯй номидан ва ба худ ғазаби Ӯро овардан аст.

Аммо Исроил *дар биёбон* маҳз ҳамин тавр мекард. Таърихи он – рӯйхати аламовари шикоятҳо, ҳавасҳо, бутпарастӣ, беимонӣ ва исён аст.

Дар Рафидим, масалан, онҳо аз камии об шиква карда, дар миёни онҳо будани Худоро зери шубҳа мегузоштанд (Хур. 17,1-17). Дар биёбони Форон, ҳангоме ҷосусони фиристодашуда бо хабарҳое баргаштанд, ки дар байни исроилиён шубҳа ва ҳаросро ба вуҷуд меоварданд (Ад. 13,25-29), халқ қарор дод, ки ба Миср, ба замини ғуломӣ баргардад (Ад. 14,4).

**3,9** Худо ба хашм омада, қарор дод, ки саргардонии халқи Исроил дар биёбон боз чил сол давом хоҳад кард (Ад. 14,33.34). Аз ҳамаи он ҷанговароне ки ҳангоми аз Миср баромадан бистсола ё зиёда аз он буданд, ба замини Канъон танҳо ду нафар дохил шуданд – Колеб ва Юшаъ (Ад. 14,28-30).

Он факт низ аз аҳамият холӣ нест, ки чунон ки Исроил *чил солро* дар биёбон гузаронд, Рӯҳулқудс низ тақрибан чил сол пас аз марги Масеҳ бар халқи Исроил меҳнат мекард. Аммо яҳудиён бар зидди хабари Масеҳ дилҳои худро сахт карданд. Дар соли 70-ум Уршалим вайрон карда шуд, ва халқ дар байни халқҳои бутпараст парешон гардид.

**3,10** Хашме ки сабабаш рафтори исроилиён дар биёбон буд, Худоро маҷбур намуд, то бо ин сарзаниши сахт баромад кунад. Ӯ онҳоро дар он айбдор намуд, ки майли ҳамеша аз Ӯ

дур шудан дошта, якравона *роҳҳои* Ӯро сарфи назар мекарданд.

**3,11** Ӯ дар ғазаби Худ қасам хӯрд, ки *онҳо ба оромии* Ӯ, яъне ба замини Канъон *роҳ намеёбанд.*

**3,12** Дар оятҳои 12-15 он хулосаи амалӣ тасвир карда мешавад, ки Рӯҳулқудс аз таърихи Исроил баровардааст. Монанди ҷойҳои дигари Нома ба Ибриён, муаллиф ба хонандагони худ чун ба *бародарон* муроҷиат мекунад. Ин маънои онро надорад, ки ҳамаи онҳо масеҳиёни ҳақиқӣ буданд. Ҳамин тариқ, ҳамаи онҳое ки худро масеҳӣ меноманд, бояд ҳушёр бошанд, то дилашон *бад* нашавад, ки ин боиси аз *Худои* Зинда рӯй гардондани онҳо мешавад. Ин гуна хатар доим ҳаст.

**3,13** Яке аз подзаҳрҳо насиҳати якдигар аст. Хусусан дар рӯзҳои фалокатҳо ва душвориҳо халқи Худо бояд якдигарро *ҳар рӯз* насиҳат дода, илтиҷо намоянд, то Масеҳро ба хотири динҳое ки масъалаи гуноҳро ҳал карда наметавонанд, тарк накунанд.

Таваҷҷуҳ намоед, ки ин ҷо насиҳат вазифаи на танҳо давраи хурди ходимон, балки вазифаи ҳамаи бародарон ҳисобида мешавад. Он бояд *то даме* давом кунад, *ки «имрӯз» гуфта мешавад*, яъне то даме ки Худо наҷотро аз рӯи файз, мувофиқи имон пешниҳод мекунад. *«Имрӯз»* – вақти муносиб аст, он вақти наҷот аст.

Рӯй гардондан – яъне *ба фиребҳои гуноҳ афтода, сахтдил* шудан аст. Аз дур гуноҳ одатан намуди хеле хуб дорад. Он гузаргоҳеро пешниҳод мекунад, ки чӣ гуна Масеҳро хор накарда, талаботи муқаддасшавиро на он қадар қатъӣ кардан мумкин аст, маросимҳои аз ҷиҳати эстетикӣ баланд пешниҳод мекунад ва дастовардҳои заминӣ ваъда медиҳад. Аммо аз он гузашта, мо мебинем, ки он то чӣ андоза манфур аст. Он одамро бе бахшидашавии гуноҳҳо, бе умеди ҳаёт баъд аз марг, бе имконияти тавба мегузорад.

**3,14** Муаллиф боз ёдрас мекунад, ки *мо шарикони Масеҳ гардидаем, ба шарте ки боварии аввалаи худро то охир маҳкам нигоҳ дорем.* Одатан маънои ин гуна оятҳоро вайрон карда, дар онҳо баёнотеро мебинанд, ки гӯё одами наҷотёфта аз нав ҳалок шуда метавонад. Аммо барои ин гуна маънидод ҳеҷ асосе нест, чунки дар аксари кулли ҳолатҳо Навиштаи Муқаддас таълим медиҳад, ки наҷот ройгон дода мешавад; он бо хуни Масеҳ харида шудааст, бо имон қабул карда мешавад ва бо корҳои нек тасдиқ карда шудааст. Имони ҳақиқӣ ҳамеша устувор аст. Мо дар имон на барои нигоҳ доштани наҷоти худ устувор ҳастем, балки барои исботи он ки мо ҳақиқатан наҷотёфта ҳастем. Имон решаи наҷот аст; устуворӣ – самари он. Кӣ *шарики Худост?* Ҳамоне ки бо устувории имонаш исбот мекунад, ки ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ дорад.

**3,15** Муаллиф тасвири хулосаҳои амалиро аз таҷрибаи ғамангези Исроил бо суханони Забур 94,7.8 анҷом медиҳад: *«Имрӯз, агар овози ӯро шунавед, дилҳои худро сахт накунед, чун дар замони ошӯб»*. Ин даъвати пуртаъсир, ки як замоне ба Исроил нигаронида шуда буд, акнун ба ҳар касе ки дар пеши васвасаи тарк кардани Хушхабар ва бозгаштан ба шариат истодааст, муроҷиат мекунад.

**3,16** Бобро тафсири таърихии муртадии Исроил хотима медиҳад. Дар силсилаи се савол ва се ҷавоб муаллиф таърихи ошӯби Исроил, ситезаҷӯии он ва ҷазоро аз назар мегузаронад. Баъд аз ин вай хулоса бармеорад:

*Ошӯб. Ҳамаи онҳое ки ба воситаи Мусо аз Миср берун омада буданд,* зидди Худо ошӯб бардоштанд. Истисноӣ ягона Колеб ва Юшаъ буданд.

**3,17** *Ситезаҷӯӣ.* Ҳамин ошӯбгарон *чил сол* Худоро хашмгин мекарданд. Онҳо тақрибан 600 000 буданд, ва бо гузаштани чил сол 600 000 қабр дар биёбон парешон гашта буд.

**3,18** *Ҷазо.* Ана ҳаминҳо аз боиси беитоатиашон ҳеҷ гоҳ ба замини Канъон дохил нашуданд.

Аллакай худи садо додани ин саволҳо ва ҷавобҳо мебоист таассуроти фаромӯшнашавандаеро ба онҳое мебахшид, ки ба озмоиши тарк кардани ақаллияти масеҳиёни ҳақиқӣ ба хотири аксарияти кулли одамоне ки зоҳиран масеҳӣ буда, аммо қувваи тақводориро рад мекунанд, дучор шудаанд. Оё ҳамеша ҳақ ба ҷониби аксарият аст? Дар ин боби таърихи Исроил ҳақ ба ҷониби танҳо ду нафар буд, ним миллион нафар бошанд дар иштибоҳ буданд!

А. Т. Пиерсон ҷиддияти гуноҳи Исроилро чунин таъкид мекунад:

Гуноҳи беимонии онҳо ситезаҷӯии чоркарата нисбати Худо буд:

1. Он ҳуҷум ба ростии Худо буд, чунки Ӯро ба дурӯғгӯй табдил медоданд.

2. Он ҳуҷум ба қудрати Ӯ буд, чунки Ӯро беқувват ва барои ба замини ваъдашуда дохил кардани онҳо нотавон меҳисобиданд.
3. Он ҳуҷум ба ҳақиқат оид ба тағйирнаёбандагии Ӯ буд, зеро, агарчи инро нагуфта буданд, бо рафторашон онро дар назар доштанд, ки Худо доимо тағйир меёбад ва наметавонад чун пештара муъҷизаҳо ба амал оварад.
4. Он ҳуҷум ба садоқати Падаронаи Ӯ буд, мисли ин ки гӯё Ӯ интизориҳоеро ҳавасманд мекард, ки онҳоро амалӣ кардани набуд.[2]

Колеб ва Юшаъ, баръакс, Худоро бо он гиромӣ доштанд, ки сухани Ӯро комилан дуруст, иқтидори Ӯро номаҳдуд, ҳусни таваҷҷуҳро ба онҳо доимо раҳмдилона, садоқати Ӯро чунон ҳисобиданд, ки ҳеҷ гоҳ умедҳои иҷро намекардаашро бедор намекунад.

**3,19** *Хулоса.* Маҳз *беимонӣ* ба фарзандони ошӯбгари Исроил имкон надод, ки ба замини ваъдашуда дохил шаванд ва маҳз *беимонӣ* ба одам имкон намедиҳад, ки аз ҳамаи ҷиҳатҳо ба мероси Худо ворид гардад.

Хулоса аниқ аст: аз дили бад ва беимон барҳазар бошед.

Якчанд ояти баъдина яке аз ҷойҳои душвортарини ин нома мебошанд. Дар байни илоҳиётшиносон оид ба пешравии мушаххаси далеловарӣ ихтилоф ҳукмфармост, агарчи маънои умумии ин фасл нисбатан фаҳмо мебошад.

Мавзӯи Ибриён 4,1-13 оромии Худо ва ғайратест, ки барои ба даст овардани он даркор аст. Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки дар Навиштаи Муқаддас якчанд навъи оромӣ зикр шудааст:

1. Худо баъди шаш рӯзи офариниш ором гирифт (Ҳас. 2,2). Ин оромӣ на ифодагари хаста шудан аз меҳнати вазнин, балки далели қаноатмандӣ аз кори анҷомдода буд (Ҳас. 1,31). Гуноҳе ки ба ҷаҳон ворид шуд, оромии Худоро халалдор намуд. Аз ҳамон лаҳза Ӯ беист меҳнат мекунад. Чунон ки Исо гуфтааст: «Падари Ман то кунун кор мекунад, ва Ман низ кор мекунам» (Юҳ. 5,17).
2. Мувофиқи нақшаи Худо, Канъон мебоист барои фарзандони Исроил заминӣ оромӣ мебуд. Аксари онҳо ба ин замин ҳеҷ гоҳ дохил нашуданд, ва онҳое ки дохил шуданд, тавон надоштанд оромиеро пайдо кунанд, ки Худо барояшон муҳайё карда буд. Ин ҷо Канъон чун тимсоли оромии ҷовидонии ниҳоии Худо истифода шудааст. Бисёрии онҳое ки ба Канъон дохил шуда натавонистанд (масалан, Қӯраҳ, Дотон ва Абиром), рамзи муртадони ҳозира мебошанд, ки аз боиси беимонии худ ба оромии Худо ворид шуда наметавонанд.
3. Имрӯзҳо масеҳиён метавонанд бо донистани он ки қарзи гуноҳи онҳо аллакай бо меҳнати анҷомдодаи Худованд Исо пардохта шудааст, аз виҷдони ором ҳаловат баранд. Ин ҳамон оромиест, ки Наҷотдиҳанда ваъда додааст: «Ба назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид» (Мат. 11,28).
4. Масеҳӣ дар хизмат ба Худованд низ аз оромӣ ҳаловат мебарад. Дар ҳоле ки оромии пештара оромии наҷот буд, ин оромии хизмат аст. «Юғи Маро ба гардани худ гиред, ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам ва ҷонҳои шумо оромӣ меёбанд « (Мат. 11,29).
5. Охируламр, оромии абадӣ ҳаст, ки дар хонаи Падар дар осмон интизори масеҳӣ аст. Ин оромии оянда, ки ба таври дигар оромии шанбе номида мешавад (Ибр. 4,9), оромии ниҳоӣ аст; ҳамаи навъҳои дигари оромӣ тимсолҳо ё пешакӣ чашидани он оромӣ мебошанд. Маҳз ҳамин оромӣ мавзӯи асосии Ибриён 4,1-13 мебошад.

**4,1** Ҳеҷ кас ҳақ надорад чунин ҳисобад, ки ваъдаи *оромӣ* акнун қувваи худро гум кардааст. Он дар гузашта пурра ва ба таври ниҳоӣ иҷро нашуда буд, бинобар ин ваъдаи оромӣ ҳанӯз побарҷост.

Аммо ҳамаи онҳое ки худро масеҳӣ меноманд, бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки аз ҳадаф бархато намеравaнд. Агар эътирофи онҳо холӣ (беасос) бошад, ба онҳо хатари даст кашидан аз Масеҳ ва рӯ овардан ба ягон системаи диние ки наҷот дода наметавонад, таҳдид мекунад.

**4,2** Ба мо Хушхабар *мавъиза карда шудааст* – хабари хуш оид ба ҳаёти абадӣ, ки аз рӯи имон ба Масеҳ дода мешавад. Хушхабар ба

исроилиён низ эълон шуда буд – хабари хуш оид ба оромӣ дар замини Канъон. Аммо ин хушхабари оромӣ ба онҳо манфиате наовард.

Вобаста ба он ки кадоме аз вариантҳои хондани ояти 2-ро (ки дар дастнависҳо вомехӯрад) пайравӣ мекунем, барои нокомии онҳо ду маънидоди имконпазир ҳаст. Мувофиқи тарҷумаи тоҷикӣ, онҳо аз он сабаб ноком шуданд, ки ин хабар *бо имони шунавандагон напайваст.* Дигар хел карда гӯем, онҳо ба он бовар накарданд ва ё мувофиқи он зистанро сар накарданд.

Дар баъзе дастнависҳо навишта шудааст, ки онҳо «бо ононе ки бо диққат ба он гӯш медоданд, муттаҳид нашуданд». Ин ҷо дар назар дошта шудааст, ки аксари исроилиён дар имон бо Колеб ва Юшаъ, ки ба ваъдаҳои Худо бовар карданд, муттаҳид нашуда буданд.

Дар ҳар ҳол фикри асосӣ ин ҷо чунин аст: беимонӣ онҳоро аз он оромие ки Худо барояшон дар замини ваъдашуда муҳайё карда буд, маҳрум намуд.

**4,3** Дар ин оят пайдарҳамиро дар пешравии фикр муайян кардан душвор аст. Таассуроте ҳосил мешавад, ки ин се ҷумла ҳеҷ алоқамандие бо ҳам надоранд, аммо бо вуҷуди ин мавзӯи асосии ҳар сеи онҳо оромии Худост.

Аввал мо мефаҳмем, ки *мо, ки имон овардаем,* ҳамонҳое мебошем, ки *ба оромии* Худо *роҳ меёбем.* Имон калидест, ки бароямон дарро мекушояд. Чунон ки зикр шуда буд, имрӯзҳо масеҳиён аз виҷдони ором ҳаловат мебаранд, зеро медонанд, ки ҳеҷ гоҳ барои гуноҳҳояшон доварӣ нахоҳанд шуд (Юҳ. 5,24). Аммо он низ дуруст аст, ки ба оромии абадии Худо танҳо онҳое дохил мешаванд, ки имон доранд. Ва ин ҷо, аниқтараш, ин оромии оянда дар назар дошта шудааст.

Дар ҷумлаи оянда худи ҳамин фикр бо ёрии инкор таъкид шудааст: *«Ӯ гуфтааст: «Ман дар ғазаби худ қасам хӯрдам, ки онҳо ба оромии Ман роҳ намеёбанд»»* (иқтибос аз Заб. 94,11). Айнан ҳамон тавре ки имон дарҳоро мекушояд, беимонӣ онҳоро маҳкам мекунад. Мо, умедворон ба Масеҳ, ба оромии Худо боварии комил дорем; исроилиёни беимон ин гуна боварӣ дошта наметавонистанд, чунки онҳо ба сухани Худо бовар намекарданд.

Ҷумлаи сеюм беш аз ҳама душвор аст: *«... гарчанде ки корҳои Ӯ аз бунёдшавии ҷаҳон анҷом ёфта буд».* Эҳтимол, онро бо ҷумлаи пештара пайваста, маънидод кардан осонтар аст. Он ҷо, оид ба оромии Худ сухан ронда, Худо замони ояндаро истифода бурдааст: *«онҳо ба оромии Ман роҳ намеёбанд».* Замони оянда ба он ишора мекунад, ки имконияти ба оромии Худо дохил шудан ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад, агарчи баъзеҳо бо сабаби беитоатияшон аз он маҳрум шудаанд. Бо вуҷуди он ки корҳои Худо *аз бунёдшавии ҷаҳон анҷом ёфта буд,* ба ин оромӣ ҳанӯз даромадан мумкин аст.

**4,4** Мақсади ин оят дар асоси Навишта исбот намудани он аст, ки Худо баъди ба анҷом расидани кори офариниши олам *ором гирифт.* Номуайянии муаллиф дар ташхис додани порчаи иқтибосшуда ҳеҷ ба надонистани ӯ далолат намекунад. Ин тарзи тасвири бадеист – иқтибос овардан аз китобе ки ҳанӯз ба бобҳо ва оятҳо тақсим карда нашуда буд. Ба асоси ин оят гуфтае аз Ҳастӣ 2,2 гузошта шудааст: «Худо дар рӯзи ҳафтум аз ҳамаи корҳои Худ, ки карда буд, ором гирифт».

Ин ҷо замони гузашта истифода шудааст, ва метавонад чунин намояд, ки ин ишоратест дар хусуси ба таърих тааллуқ доштани оромии Худо, аммо на ба пайғамбарӣ, ва гӯё он ба мо, имрӯзиён, ҳеҷ дахле надорад. Аммо ин тавр нест.

**4,5** Барои тасдиқи фикр оид ба он ки ишора ба оромии Худо пас аз анҷоми офариниш маънои пӯшида шудани ин масъаларо надорад, муаллиф бо андаке тағйирот Забур 94,11-ро иқтибос меоварад, ки он ҷо замони оянда истифода мешавад: *«Онҳо ба оромии Ман роҳ намеёбанд».* Моҳиятан, вай мегӯяд: «Оиди оромии Худо фикр карда, кӯшиш накунед, ки онро бо он чи дар Ҳастӣ 2 воқеъ шуд, маҳдуд намоед; дар ёд нигоҳ доред, ки дертар Худо оид ба оромии Худ гуфта буд, ки он ҳанӯз барои одамон дастрас аст».

**4,6** То ин халқаи силсилаи исботҳо мо дидем, ки аз лаҳзаи офариниши олам Худо ба башарият оромиро пешниҳод мекард. Дарҳои даромад кушода буданд.

Исроилиён дар биёбон аз боиси *беитоатияшон* ба оромӣ *дохил нашуданд.* Аммо ин маънои онро надорад, ки ваъда аз эътибор соқит шуд!

**4,7** Қадами навбатии муаллиф – нишон додани он аст, ки ҳатто дар замони *Довуд,* баъди 500 соли ба Канъон роҳ дода нашудани исроилиён, Худо барои ифода кардани вақти

муносиб калимаи *«имрӯз»-ро* ба кор бурдааст. Дар Ибриён 3,7.8.15 муаллиф аллакай Забур 94,7.8-ро иқтибос оварда буд. Ин ҷо вай боз онро чун шаҳодати он иқтибос меорад, ки ваъдаи оромии Худо бо марги исроилиён дар биёбон қуввати худро гум накардааст. Дар замони Довуд Ӯ ҳанӯз аз одамон илтиҷо мекард, ки ба Ӯ бовар кунанд ва *дилҳои худро сахт накунанд.*

**4,8** Албатта, баъзе исроилиён ба ҳар ҳол ҳамроҳи *Юшаъ* ба Канъон дохил шуданд. Аммо ҳатто онҳо он *оромии* ниҳоиро, ки Худо барои дӯстдоронаш муҳайё карда буд, ба даст наоварданд. Дар Канъон ҷангҳо, гуноҳ, бемориҳо, андӯҳҳо, азобҳо ва марг буданд. Агар оромии Худо бо ҳамин анҷом меёфт, Ӯ онро боз дар замони Довуд пешниҳод намекард.

**4,9** Ҳамаи он чи зикр шуд, хонандаро ба хулосае меорад: *пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад.* Ин ҷо муаллиф барои ифода намудани оромӣ калимаи дигари юнониро («саббатисмос») ба кор мебарад, ки бо калимаи «шаббат» (шанбе) хеш аст. Он оромии абадиро ифода мекунад, ки ҳамаи ононе ки бо хуни гаронбаҳои Масеҳ наҷот ёфтаанд, аз он ҳаловат хоҳанд бурд. Ин риояи «шаббат» (шанбе) аст, ки ҳеҷ анҷом нахоҳад ёфт.

**4,10** Ҳар касе ки ба *оромии* Худо дохил мешавад, аз меҳнатҳои худ *ором* мегирад, айнан ҳамон тавре ки Худо дар рӯзи ҳафтум аз *корҳои* Худ *ором гирифт.*

Шояд, пеш аз он, ки наҷот ба даст оварем, мо кӯшиши зиёд мекардем, то ин наҷотро сазовор шавем. Аммо бо дарки он ки ин кор аз тарафи Масеҳ дар Ҷолҷолто анҷом дода шудааст, мо кӯшишҳои бефоидаи худро қатъ кардем ва ба Раҳонандаи аз мурдагон бархоста боварӣ кардем.

Наҷот ба даст оварда, мо бо муҳаббат, бо эҳтимом барои Оне меҳнат мекунем, ки моро дӯст дошт ва Худро барои мо таслим намуд. Корҳои неки мо самари Рӯҳулқудс мебошанд, ки дар мо сокин аст. Мо бисёр вақт дар хизмати Ӯ хаста мешавем, аммо аз хизмати Ӯ мо ҳеҷ гоҳ хаста намешавем.

Дар оромии абадии Худо мо аз ҳамаи корҳои заминии худ осуда мешавем. Ин маънои онро надорад, ки дар осмон мо бо ҳеҷ кор машғул намешавем. Мо дар он ҷо ба Ӯ ибодат ва хизмат карда, чӣ будани хастагӣ, андӯҳҳо, таъқибот ва озмоишҳоро фаромӯш хоҳем кард.

**4,11** Оятҳои пештара нишон доданд, ки оромии Худо имрӯзҳо низ барои одамон дастрас аст. Дар худи ҳамин ҷо гуфта шудааст, ки барои *ба* ин *оромӣ роҳ ёфтан* ғайрат лозим аст. Мо бояд *кӯшиш намоем,* то боварӣ ҳосил кунем, ки умеди ягонаи мо Худованд Исо аст. Мо бояд бо тамоми ғайрат ба васвасаи танҳо дар сухан ба Ӯ имон доштан ва ҳамин ки тӯфони таъқибот ва азобҳо сар шавад, аз Ӯ даст кашидан муқобилат кунем.

Исроилиён сабукфикр буданд. Онҳо бо ваъдаҳои Худо беэътиноёна рафтор карданд. Онҳо хоҳиши зиёде доштанд, ки ба Миср, ба замини ғуломии худ бозгарданд. Дар хусуси «азхудкунӣ»-и ғайратмандонаи ваъдаҳои Худо сухане ҳам набуд. Дар натиҷа онҳо ҳеҷ гоҳ ба Канъон дохил нашуданд. Мисоли онҳо бояд барои мо чун огоҳонидан хизмат кунад.

**4,12** Дар ду ояти баъдина огоҳонидане ҳаст, ки беимонӣ ҳеҷ гоҳ ошкорнашуда намемонад. Пеш аз ҳама, онро *Каломи Худо* ошкор мекунад. (Истилоҳи «логос», ки ин ҷо барои ифода намудани мафҳуми «калима» омадааст, калимаи маълум аст, ки Юҳанно онро дар пешгуфтор ба Инҷили худ истифода бурдааст. Аммо бо вуҷуди он, ин оят на ба Каломи Зинда, Исо, балки ба Каломи навишта, Навиштаи Муқаддас дахл дорад.) Ин *Каломи Худо*

*зинда аст* – он доимо ва фаъолона зиндагӣ мекунад;

*таъсирбахш аст* – ба амал водор мекунад;

тез аст – *аз ҳар шамшери дудама тезтар аст;*

*ҷудокунанда аст* барои *ҷон ва рӯҳ* – ду қисми таркибии нонамоён ва ғайримоддии одам. *Он то пайвандҳо ва* мағзи устухонҳо рафта мерасад; *пайвандҳо* амали беруниро имконпазир мегардонанд, мағзи устухон бошад – қисми таркибии ниҳонӣ, аммо барои ҳаёт хеле муҳими устухон аст;

санҷанда – *он андеша ва ниятҳои дилро* фарқ мекунад ва *месанҷад.* Маҳз Калом моро доварӣ мекунад, на мо Каломро.

**4,13** Ба ғайр аз ин, беимонӣ дар назди Худои зинда низ аён аст. Ин ҷо ба ивази ҷонишини ғайришахсӣ ҷонишини шахсӣ меояд. *Ва ҳеҷ офаридае нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад.* Ҳеҷ чиз аз назари Ӯ пинҳон намемонад. Ӯ комилан ҳама чизро медонад. Ӯ ҳамеша мебинад, ки дар олам чӣ рӯй медиҳад. Дар матни оят фикре муҳим аст, ки Ӯ медонад, дар куҷо имони

ҳақиқӣ ва дар куҷо танҳо розигии ақл бо фактҳост.

## II. БАРТАРИИ КОҲИНИИ МАСЕҲ (4,14–10,18)

### A. Бартарии саркоҳинии Масеҳ аз саркоҳинии Ҳорун (4,14–7,28)

**4,14** Дар ин оятҳо муаллиф ба фикри хеле муҳим бармегардад, ки таҳлили он дар 3,1 сар шуда буд: Масеҳ чун *Саркоҳини бузурги* халқи Худ. Ӯ чун сарчашмаи азими қувват ва сарват барои халқи муҳтоҷи худ муаррифӣ шудааст, ки ба онҳо пирӯзӣ бахшида метавонад. Дар маркази диққат акнун на Каломест, ки ба шумо аз нуқтаи назари танқид менигарад, балки Масеҳ аст, ки ба шумо аз самими дил хайрхоҳӣ мекунад. Ҳангоме ки Калом моро пурра фош кард (о. 12.13), мо метавонем ба Ӯ барои марҳамат ва файз муроҷиат кунем.

Ба сифатҳои олии Худованди аҷоиби мо таваҷҷуҳ намоед:

1. Ӯ *Саркоҳини бузург* аст. Ҷамъияти аз рӯи шариати Мусо мураттабгардида бисёр саркоҳинонро дида буд, аммо ҳеҷ кадоми онҳоро бузург наномида буданд.
2. Ӯ осмон ва галактикаҳоро *гузашта,* ба осмони сеюм, ҷои сукунати Худо, гузашт. Ин, албатта, аз боло рафтан ва ҷалолёбии Ӯ дарак медиҳад, ҳангоме ки Ӯ аз дасти рости Худо Падар нишаст.
3. Ӯ одам аст. *Исо* номест, ки ҳангоми зода шуданаш ба Ӯ додаанд; ин он номест, ки ба таври махсус бо табиати инсонии Ӯ алоқаманд аст.
4. Ӯ Худост. Унвони «*Писари* Худо», ки нисбати Масеҳ истифода мешавад, аз баробарии мутлақи Ӯ бо Худо Падар шаҳодат медиҳад. Моҳияти инсонияш Ӯро аз нуқтаи назари одамон ваколатдор намуд, илоҳияти Ӯ – аз нуқтаи назари Худо. Ҳайратовар нест, ки Ӯ *Саркоҳини бузург* номида шудааст.

**4,15** Боз ҳам месазад, ки мо диққати худро ба он чи Ӯ аз сар гузаронд, ҷалб намоем. Ҳеҷ кас наметавонад ба каси дигар ҳақиқатан *дилсӯзӣ* намояд, агар худаш онро аз сар нагузаронда бошад. Чун Одам, Худованди мо ҳамаи он чиро ки мо аз сар мегузаронем, аз сар гузаронд, ва аз ин рӯ тамоми озмоишҳоеро, ки мо аз онҳо мегузарем, фаҳмида метавонад. (Аммо Ӯ наметавонад ба рафтори бади мо дилсӯзӣ кунад, чунки Худаш ин гуна чизҳоро аз сар нагузарондааст.)

*Марди ғаму андӯҳҳо ба ҳама дардҳои дилҳои одамон дилсӯз аст.*
*Ӯ монанди мо дар ҳама чиз озмудаи васваса шуд, вале гуноҳ накард.*

Навишта бо диққати тамом камолоти бегуноҳонаи Худованд Исоро ҳимоят мекунад; мо низ бояд ҳамин тавр кунем. Ӯ гуноҳро намедонист (2Қур. 5,21) ва онро содир накарда буд (1Пет. 2,22); дар Ӯ гуноҳе нест (1Юҳ. 3,5).

Гуноҳ кардани Ӯ ғайриимкон буд – на чун Худо ва на чун Одам. Одами комил буда, Ӯ ҳеҷ кореро бо хости Худ намекард; итоати Ӯ ба Падар мутлақ буд (Юҳ. 5,19); ва Падар, албатта, ба Ӯ намефармуд, ки гуноҳ кунад.

Чунин изҳор намудан ғалат мебуд, ки азбаски Ӯ гуноҳ карда наметавонист, озмудани Ӯ низ ҳеҷ маъное надошт. Мақсади озмоиш бо тамоми боварибахшӣ нишон додани он буд, ки Ӯ гуноҳ карда наметавонист.[3]

Агар шумо тиллоро аз озмоиш гузаронед, аз он ки тилло пок будааст, озмоиш арзиши худро гум намекунад. Агар дар он ягон омехтагӣ мебуд, озмоиш фавран инро ошкор мекард. Айнан ҳамин тавр, гуфтан мумкин нест, ки азбаски Ӯ гуноҳ карда наметавонист, пас Ӯ одами ҳақиқӣ набуд. Гуноҳ унсури ҷудоинопазири одам нест, балки унсури бегонаест, ки ба он зада даромадааст. Табиати инсонии мо аз боиси гуноҳ тира шудааст, табиати Ӯ бошад комил аст.

Агар Исо чун одами дар замин мезиста гуноҳ карда метавонист, чӣ ба Ӯ халал мерасонд, то чун Одами дар осмонҳо мезиста гуноҳ кунад? Барои аз дасти рости Падар нишастан боло рафта, Ӯ табиати инсонии Худро тарк накард. Ӯ дар замин бегуноҳ буд, дар осмон низ Ӯ бегуноҳ монд.

**4,16** Ин ҷо ба хонандагон даъвати меҳрубононае дода шудааст: бо боварӣ *ба тахти файз наздик оед*. Ҷуръати мо дар донистани он асос ёфтааст, ки Ӯ мурд, то моро наҷот диҳад, ва зиндагӣ мекунад, то моро ҳифз намояд. Мо ба пазироии самимӣ боварӣ дорем, зеро Ӯ моро даъват мекунад, ки биёем.

Дар давраи Аҳди Қадим одамон ба ҳузури Худо омада наметавонистанд. Танҳо саркоҳин

ба Худо наздик шуда метавонист, он ҳам танҳо як бор дар як сол. Мо метавонем ба ҳузури Ӯ дар ҳама вақти шабу рӯз омада, *марҳамат ба даст оварем ва барои ёрии саривақтӣ файз ёбем. Марҳамати* Ӯ ҳамаи он чиро, ки мо набояд мекардем, пӯшонда метавонад, *файз* бошад қувват медиҳад, то он чиро кунем, ки даркор аст, аммо қувватамон намерасад.

Дар ин бора Морган хеле хуб навиштааст:

*Ман ҳеҷ гоҳ аз нишон додани он хаста намешавам, ки ибораи юнонии чун «саривақтӣ» тарҷумашуда аз нутқи гуфтугӯӣ гирифта шудааст ва муодили аниқи он ин аст: «айнан дар вақташ». «То ки марҳамат ба даст оварем ва барои айнан дар вақташ ёрӣ ба даст овардан файз ёбем» – марҳамат айнан ҳамон вақт ва дар ҳамон ҷое ки ман ба он муҳтоҷам. Туро озмоиш азоб медиҳад. Ҳангоме ки он ҳуҷумашро сар мекунад, назаратро сӯи Ӯ бардор, ва файз айнан дар вақташ ба ёрӣ меояд. Розатро то вақти дуои бегоҳӣ таъхир надеҳ. Дар кӯча, дар ҷое ки ҳастӣ, вақте ки рӯ ба рӯи озмоиши сӯзон меистӣ, ба Масеҳ бо нидо барои мадад муроҷиат кун, ва файз сари вақт дар назди ту хоҳад буд.*[4]

То ин лаҳза Исо чун шахсе муаррифӣ шуда буд, ки аз пайғамбарон, фариштагон ва Мусо бартарӣ дорад. Акнун мо ба мавзӯи муҳими коҳинӣ рӯ меоварем, то бубинем, ки саркоҳинии Исо аз саркоҳинии Ҳорун хеле баландтар аст.

Ҳангоме ки Худо ба Мусо дар кӯҳи Сино шариатро дод, Ӯ ҳамчунин қонуну қоидаҳои коҳинии одамиро таъсис дода буд, то одамон ба воситаи он ба Ӯ наздик шуда тавонанд. Ӯ муқаррар намуд, ки коҳинон бояд аслан аз сибти Левӣ ва аз оилаи Ҳорун бошанд. Ин тартиб чун коҳинии левиёна ё ҳорунӣ маъруф аст.

Дар Аҳди Қадим коҳинии дигари аз тарафи Худо таъсисиёфта низ зикр шудааст – коҳинии нахустпадар Малкисадақ. Ин одам дар замони Иброҳим, хеле пештар аз дода шудани шариат мезист, ва ҳам хизмати шоҳ ва ҳам коҳинро ба ҷо меовард. Дар оятҳои оянда муаллиф нишон медиҳад, ки Масеҳ аз рӯи мартабаи Малкисадақ коҳин аст ва ин мартаба аз коҳинии Ҳорун хеле баландтар аст.

Дар чор ояти аввал коҳине дар мартабаи Ҳорун тасвир шудааст. Сипас, дар оятҳои 5 то 10 ботафсил, асосан ба воситаи муқобилгузорӣ, мувофиқати Масеҳ ба мартабаи коҳинӣ тасвир карда мешавад.

**5,1** Аввалин ҷиҳати хоси *коҳин* дар мартабаи Ҳорун он буд, ки вай мебоист *аз миёни одамон интихоб мешуд.* Дигар хел карда гӯем, вай худаш бояд одам бошад.

Вай мебоист *барои одамон* дар ҳузури *Худо* амал мекард. Вай ба тоифаи махсуси одамоне тааллуқ дошт, ки миёни одамон ва Худо хизмати миёнаравиро ба ҷо меоварданд. Яке аз вазифаҳои асосии Ӯ – *барои гуноҳҳо ҳадияҳо ва қурбониҳо тақдим кардан* буд. *Ҳадияҳо* тамоми қурбониҳое мебошанд, ки ба Худо оварда мешуданд. *Қурбониҳо* гуфта ин ҷо қурбониҳои махсус дар назар дошта шудаанд, вақте чун кафорати гуноҳ хун рехта мешуд.

**5,2** Вай мебоист ба нотавонии одамӣ дилсӯзӣ мекард ва бо *нодонон ва гумроҳон* бо мулоимат ва саҳлгирӣ рафтор менамуд. Қисми нотавони худаш ба вай қобилияти фаҳмидани он мушкилотеро медод, ки халқи вай бо онҳо рӯ ба рӯ мешуд.

Дар ин оят оид ба *нодонон ва гумроҳон* гуфта шудан ба мо ёдрас мекунад, ки қурбониҳои Аҳди Қадим барои гуноҳҳои тасодуфӣ ба ҷо оварда мешуданд. Дар шариат нишондодҳое нестанд, ки барои гуноҳи барқасдона қурбонӣ оварданро пешбинӣ кунанд.

**5,3** Дар ҳоле ки табиати инсонӣ доштан барои коҳин афзалият буд, зеро ба вай имкон медод худро бо халқаш ҳамонанд созад, табиати гуноҳолуди инсонияш коҳинро дар ҳолати номусоид мегузошт. Вай мебоист *ҳам барои қавм ва ҳам барои худаш қурбониҳои гуноҳҳоро тақдим кунад.*

**5,4** Хизмати коҳин на касбе буд, ки инсон мувофиқи хоҳиши худ интихоб мекунад. Барои ин кор вай бояд *аз ҷониби Худо даъват шавад, чунон ки Ҳорун низ.* Худо танҳо Ҳорун ва авлодони ӯро даъват намуд. Ҳеҷ касе ки ба ин оила тааллуқ надошт, дар хаймаи ҷомеъ ё дар парастишгоҳ хизмат карда наметавонист.

**5,5** Акнун муаллиф ба *Масеҳ* муроҷиат карда, нишон медиҳад, ки Ӯ метавонад коҳин бошад, чунки Худо Ӯро ба ин кор таъйин карда буд, ва Ӯ табиати инсонӣ ва тамоми сифатҳои даркориро дорад.

Агар сухан бар бораи таъйин шудани Ӯ равад, он аз тарафи Худо бармеомад. Ин даъват соҳибихтиёрона буда, ба насабномаи

инсонӣ ҳеҷ робитае надошт. Решаҳои он дар муносибат бо Худо аз он чи коҳинони заминӣ ягон вақт доштанд, афзалият дошт. *Саркоҳини* мо *Писари* ягонаи Худост, ки аз азал зода шудааст, дар таҷассум зода шудааст ва дар растохез зода шудааст.

**5,6** Коҳинии Масеҳ хеле баландтар аст, чунки дар Забур 109,4 Худо Ӯро *то абад коҳин* эълон намуд, *аз рӯи мартабаи Малкисадақ*. Ин бартарии Масеҳ дар боби 7 муфассалтар фаҳмонда хоҳад шуд. Зикр кардан муҳим аст, ки бар хилофи коҳинии Ҳорун, ин коҳинӣ *то абад* аст.

**5,7** Масеҳ на танҳо Писари бегуноҳи Худо, балки Одами ҳақиқӣ низ аст. Муаллиф чун исбот ба ҳиссиётҳои гуногуни инсоние ишорат мекунад, *ки Ӯ дар айёми дар ҷисм* буданаш аз сар гузаронд. Ба калимаҳое ки ҳаёти Ӯро тасвир мекунанд, диққат диҳед, махсусан ба он чи Ӯ дар Ҷатсамонӣ аз сар гузаронд: *бо фиғони пурзӯр ва ашкрезӣ дуо ва зорӣ намуд.* Онҳо Ӯро чун Одами фармонбардор қаламдод мекунанд, ки дар итоат ба Худо зиндагӣ мекунад, ва дорои тамоми ҳиссиёти инсоние мебошад, ки бо гуноҳ робита надоранд.

Масеҳ на дар бораи наҷот аз марг илтиҷо мекард; дар ниҳояти кор, мақсади ягонаи ба ҷаҳон омадани Ӯ барои гуноҳкорон мурдан буд (Юҳ. 12,27). Ӯ оид ба халосӣ аз марг дуо мекард, то ки ҷони Ӯ дар водии марг намонад. Худо ба ин дуо ҷавоб гуфта, Ӯро аз мурдагон зинда кард. *Ба хотири худоҷӯии Ӯ дуояш шунида шуд.*

**5,8** Боз ҳам дар пеши назари мо сирри бузурги таҷассум ҷилвагар мешавад – чӣ гуна Худо тавонист Одам шавад, то барои одамон бимирад.

*Агарчи Ӯ Писар* аст – на кадом як писар, яке аз бисёриҳо, балки Писари ягонаи Худо. Новобаста ба ин, Ӯ *бо азобе ки кашид, итоатро омӯхт.* Ба ин ҷаҳон чун одам дохил шуда, Ӯ бояд онро аз сар мегузаронд, ки агар дар осмон мемонд, ҳеҷ гоҳ намефаҳмид. Ҳар пагоҳӣ Парвардигор гӯши Ӯро бедор мекард, то Ӯ тавонад фармудаҳои Падарро қабул кунад (Иш. 50,4). Ӯ итоаткориро дар амал *меомӯхт,* чун Писаре ки ҳамеша ба иродаи Падар тобеъ аст.

**5,9** *Ва камол ёфта.* Ин ба хислати шахсии Ӯ дахл дошта наметавонад, чунки Худованд Исо комил буд. Суханон, корҳо ва роҳҳои Ӯ мутлақо бенуқсон буданд. Пас Ӯ дар чӣ *камол ёфта* метавонист? Ҷавоб: дар нақши Наҷотдиҳандаи мо. Агар Ӯ дар осмонҳо мемонд, ҳеҷ гоҳ Наҷотдиҳандаи комили мо шуда наметавонист. Аммо ба воситаи таҷассум, марг, дафн ва растохези Худ Ӯ кореро, ки барои аз гуноҳҳо наҷот додани мо даркор буд, ба анҷом расонд, ва акнун ҷалоли Наҷотдиҳандаи комили ҷаҳонро ба даст овард.

Ба осмон баргашта, Ӯ *барои ҳамаи фармонбардорони Худ сабабгори наҷоти абадӣ гардид. Ӯ* сарчашмаи наҷот барои ҳама аст, аммо танҳо *фармонбардорони Ӯ наҷот* меёбанд.

Ин ҷо итоат ба Ӯ чун шарти *наҷот* номбар шудааст. Дар бисёр оятҳои дигар имон чун шарти наҷот зикр карда мешавад. Мухолифати гӯё ба миён омадаро чӣ тавр ҳал кунем? Пеш аз ҳама ин итоати имон аст (Рум. 1,5; 16,25-27); «Итоате ки Худо талаб мекунад, имон ба Каломи Ӯст». Аммо он низ бегумон аст, ки имони наҷотдиҳанда ҳамеша самари итоаткорӣ меорад. Мувофиқи Инҷил имон овардан бе итоаткорӣ ғайриимкон аст.

**5,10** Баъди анҷоми пурҷалоли кори асосии коҳинӣ *Худо* Худованд Исоро *Саркоҳине аз рӯи мартабаи Малкисадақ ном гузошт.*

Ин ҷо бояд зикр кард, ки агарчи коҳинии Масеҳ баробари мартабаи Малкисадақ буд, вазифаҳои коҳинии Ӯ бо вазифаҳои коҳинон дар мартабаи Ҳорун якхелаанд. Гузашта аз ин, хизмати коҳинони яҳудӣ нишона ё рамзи он коре буд, ки Масеҳ ба ҷо хоҳад овард.

**5,11** Ин ҷо муаллифро лозим меояд, ки ақиб гардад. Вай мавзӯи коҳинии Масеҳ дар мартабаи Малкисадақро бо хурсандӣ давом медод, аммо наметавонад. Мувофиқи фармон аз олами боло вай бояд хонандагонашро барои хомияшон сарзаниш кунад ва дар айни замон онҳоро аз хатари дур шудан аз ҳақиқат огоҳ кунад.

Аламовар бошад ҳам, факт аст: қобилияти мо дар фаҳмидани ҳақиқатҳои Худо ба ҳолати рӯҳонии мо вобаста аст. Гӯшҳои *вазнин* қобилияти қабули ҳақиқатҳои амиқро надоранд! Худованд аксар вақт ба мо чизҳои бисёреро гуфтан мехоҳад, ки мо ҳамаи онро дар худ ғунҷонда наметавонем (Юҳ. 16,12).

**5,12** Муаллиф ба яҳудиён ёдрас мекунад, ки онҳо он қадар муддати дароз насиҳат гӯш кардаанд, ки аллакай худашон мебоист дигаронро таълим медоданд. Ҳамаи фоҷиа дар

он аст, ки ҳанӯз ҳам ба онҳо касе даркор буд, ки ибтидои *Каломи Худоро* барояшон таълим диҳад.

*Бояд муаллим мешудед.* Худо мехоҳад, ки ҳар масеҳӣ ба он дараҷаи балоғат (таҷрибанокӣ) расад, ки ба дигарон таълим дода тавонад. Ҳар кас бояд касеро таълим диҳад! Ҳа, албатта, баъзеҳо атои махсуси тарбиятгарӣ доранд, аммо он низ бегумон аст, ки ҳар як масеҳӣ бояд ба тариқе дар хизмати насиҳат иштирок кунад. Кӯшишҳои бо баъзе баргузидагон маҳдуд кардани доираи иҷрокунандагони ин кор ба мақсадҳои Худо мухолиф аст.

*Ба шумо шир даркор аст, на ғизои сахт.* Дар олами табиӣ кӯдаке ки дар синну соли муайян аз шир ба хӯроки сахт нагузаштааст, дар инкишоф ақиб мемонад. Ин ақибмонӣ дар инкишоф дар олами рӯҳонӣ низ ҳаст (1Қур. 3,2).

**5,13** Касе ки худро масеҳӣ меномад, аммо «парҳези ширӣ»-ро тарк карда наметавонад, *аз каломи росткорӣ бехабар аст.* Вай Каломро мешунавад, аммо мувофиқи он зиндагӣ намекунад. Вай ҳама чизи истифода намекардаашро гум мекунад ва беҳад дурудароз дар синну соли кӯдакӣ мемонад.

Ин гуна одамон дар масъалаҳои рӯҳонӣ бофаросат нестанд, ва «бо боди ҳар таълим калавонда ва ронда мешаванд, аз найрангбозии одамоне ки бо фиреби ҳила гумроҳ мекунанд» (Эфс. 4,14).

**5,14** Хӯроки сахти рӯҳонӣ барои калонсолон аст, барои онҳое ки *ҳисҳояшон ба воситаи машқ ба фарқ кардани неку бад омӯхта шудааст.* Ин одамон, ки ба нури аз Каломи Худо мегирифтаашон гӯш медиҳанд, қобилият пайдо мекунанд, ки оид ба ҳама чиз ба таври рӯҳонӣ муҳокима ронанд ва дар масъалаҳои ахлоқ ва таълимот аз ҳамаи домҳо барканор бошанд.

Дар ин матни мушаххас хонандагонро *ба фарқ кардани неку бад* даъват кардан асосан ба масеҳият ва яҳудият дахл дорад. На барои он ки яҳудият худ аз худ бадӣ буд; низоми левизодагонро Худи Худо таъсис дода буд. Аммо мақсади асосии он ба Масеҳи меомада ишорат намудан буд. Тимсолҳо ва нишонаҳо дар Ӯ иҷро шуданд. Акнун, ки Масеҳ аллакай омад, ба тимсолҳои Ӯ бозгаштан гуноҳ аст. Бадӣ ин ҷо ҳамаи он чизест, ки аз дилбастагӣ ва садоқати ба Масеҳ доштаи одамон ақаллан андакеро кашида гирифтанӣ мешавад. Масеҳиёне ки ба балоғати рӯҳонӣ расидаанд, фарқ карда метавонанд, ки коҳинӣ дар мартабаи Ҳорун аз коҳинии Масеҳ хеле пасттар аст.

**6,1** Дар ин боб муаллиф баёни огоҳониданҳоро, ки дар 5,11 сар карда буд, давом медиҳад. Ин яке аз он ҷойҳои Инҷил аст, ки беш аз ҳама боиси ихтилофи назар мегардад. Азбаски дар тафсири он миқдори зиёди масеҳиёни тақводор ихтилофи назар доранд, оҳанги қатъият дар ин ҷо номумкин аст. Мо ба шумо маънидодеро пешниҳод мекунем, ки бо матн ва таълимоти Инҷил беш аз ҳама мутобиқ аст.

Пеш аз ҳама муаллиф хонандагонашро даъват мекунад, то *каломи ибтидоии Масеҳро* тарк кунанд, айнан: «сухани ибтидои Масеҳро» ё «сухани ибтидоии Масеҳро». Ин ҷо, чунон ки мо медонем, таълимотҳои асосии динӣ дар назар дошта шудаанд, ки дар Аҳди Қадим баён шудаанд ва бо мақсади ба омадани Масеҳ омода намудани Исроил дода шудаанд. Ин таълимотҳо дар қисми дуюми ояти 1 ва ояти 2 номбар шудаанд. Чунон ки мо нишон доданӣ ҳастем, инҳо таълимотҳои асосии масеҳият набуданд, балки аз ҷиҳати табиати худ таълимоти содатарин буданд, ки барои бинои оянда таҳкурсӣ мегузоштанд. Онҳо аз Масеҳи аз мурдагон бархоста ва ҷалолёфта ҳамаҷиҳата камарзиштар буданд. Муаллиф ба тарк кардани ин асосҳо даъват мекунад, аммо на ба он маъное ки чун беқурбшуда партофта шаванд, балки аз онҳо ба боло, ба балоғат баромадан сар карда шавад. Зермаъно ин ҷо он аст, ки давраи яҳудият замони кӯдакии рӯҳонӣ буд. Масеҳият бошад давраи ба балоғат расидан аст.

Пас аз он ки таҳкурсӣ гузошта шудааст, бар он бино кардан лозим аст. *Асоси* таълимӣ аллакай дар Аҳди Қадим гузошта шуда буд; онро шаш таълимоти асосӣ, ки дар поён зикр мешаванд, ташкил медоданд. Онҳо нуқтаи сарҳисоб буданд. Ҳақиқатҳои бузурги Аҳди Нав оид ба Масеҳ, Шахсияти Ӯ ва кори Ӯ хизмати балоғатанд.

Таълимоти аввалини Аҳди Қадим *тавба аз амалҳои беҷон* аст. Пайғамбарон ва саромади Масеҳ низ ҳамеша оид ба ин мавъиза мекарданд. Ҳамаи онҳо халқро даъват мекарданд, то аз корҳое тавба кунанд, ки беҷон буданд. Онҳо ба он маъно *беҷон* буданд, ки аз имон маҳрум буданд.

*Амалҳои беҷон* гуфта, ҳамчунин корҳоеро дар назар доштан мумкин аст, ки пештар

дуруст буданд, аммо баробари омадани Масеҳ *бечон* шудаанд. Ҳамин тавр, масалан, баъди кори анҷомдодаи Масеҳ ҳамаи хизматгузориҳо вобаста ба парастиш дар парастишгоҳ маъно ва аҳамияти худро гум карданд.

Дуюм вай *имон ба Худоро* номбар мекунад. Боз ҳам, оид ба он дар Аҳди Қадим бисёр гуфта шудааст. Ҳангоме ки Аҳди Нав оид ба объекти имон сухан меронад, ҳамеша оид ба Масеҳ мегӯяд. Ин ба ҳеҷ ваҷҳ имон ба Худоро танг карда намебарорад; аммо имон ба Худо, ки дар он ба Масеҳ ҷой нест, акнун кофӣ набуд.

**6,2** *Таълимот оид ба шустушӯйҳо* гуфта, на таъмиди масеҳӣ,[5] балки шустушӯи маросимӣ дар назар дошта шудааст, ки дар ҳаёти динии коҳинон ва халқи Исроил нақши бузурге дошт (ниг. ҳамчунин 9,10).

Расму русуми *гузоштани дастҳо* дар Ибодат 1,4; 3,2 ва 16,21 тасвир шудааст. Шахси қурбоникунанда ё коҳин ба сари ҳайвон чун рамзи бо вай ҳамонанд будан дасти худро мегузошт. Ин ҳайвон ба таври рамзӣ гуноҳҳои шахсонеро, ки худро ба он ҳамонанд кардаанд, мебурд. Ин маросим рамзи кафорати ивазкунанда буд. Мо чунин ақида надорем, ки ин ҷо ягон ишора ба дастгузорие ҳаст, ки расулон ва масеҳиёни дигар дар ибтидои масеҳият ба амал меоварданд (Аъм. 8,17; 13,3; 19,6).

Оиди *растохези мурдагон* дар Айюб 19,25-27 ва дар Забур 16,15 гуфта мешавад; он дар Ишаъё 53,10-12 дар назар дошта шудааст. Он чи дар Аҳди Қадим фақат хира дида мешуд, дар Аҳди Нав равшан аён карда шудааст (2Тим.1,10).

Ҳақиқати асосии охирини Аҳди Қадим *доварии абадӣ* буд (Заб. 9,18; Иш. 66,24).

Ин принсипҳои аввалин ифодакунандаи таълимоти яҳудият буданд, онҳо ба омадани Масеҳ тайёр мекарданд. Масеҳиён набояд бо онҳо қаноат намоянд, онҳо бояд ба ваҳйи бештаре ки дар Масеҳ пайдо кардаанд, саъй намоянд. Хонандагон ба он даъват карда мешаванд, ки аз соя ба субстансия, аз тимсолҳо ба намуна, аз шакл ба мазмун, аз шаклҳои мурдаи дини аҷдодонашон ба воқеияти Масеҳи зинда гузаранд.

**6,3** Муаллиф хоҳиши ба онҳо ёрӣ доданро изҳор менамояд, то *инро ба ҷо оваранд,*[6] *агар Худо иҷозат диҳад.* Аммо ба кадом андоза пеш рафтани онҳо ба худашон вобаста аст, на ба Худо. Худо ба онҳо имконияти ба балоғати рӯҳонӣ расиданро медиҳад, аммо онҳо бояд Каломро бо тамоми дил қабул карда, имони ҳақиқӣ ва устуворӣ зоҳир намоянд.

**6,4** Ин ҷо мо ба худи моҳияти огоҳонидан оид ба хатари муртадӣ наздик шудем. Он ба касоне дахл дорад, ки онҳоро бо тавба аз нав таҷдид намудан имконнопазир аст. Аз афташ, ин одамон як замоне тавба карда буданд (агарчи ин ҷо ягон зикре оид ба имони онҳо ба Масеҳ нест). Акнун бошад бо тамоми аниқӣ изҳор карда мешавад, ки тавбаи дубора ғайриимкон аст.

Ин одамон киҳоянд? Ҷавоб дар оятҳои 4 ва 5 дода шудааст. Имтиёзҳои азими ба онҳо додашударо омӯхта, бояд дар хотир дошт, ки ҳамаи инро одамони наҷотнаёфта доро буда метавонистанд. Мо ягон изҳороти рӯйростеро намебинем, ки онҳо аз олами боло зода шуда бошанд. Чунин чизҳои муҳим низ, ба монанди имони наҷотбахш, наҷот бо хуни Масеҳ ва ё ҳаёти абадӣ, ҳеҷ зикр намешаванд.

*Боре фикри* онҳо *равшан шуда* буд. Онҳо Хушхабари файзи Худоро шуниданд. Онҳо оид ба роҳи наҷот дар нодонӣ набуданд. Фикри Яҳудои Исқарют низ равшан шуда буд, аммо нурро рад кард.

Онҳо *атои осмониро чашидаанд.* Атои осмонӣ Худованд Исост. Онҳо аз Ӯ чашиданд, аммо ҳеҷ гоҳ Ӯро ба воситаи амали муайяни имон қабул накардаанд. Чизеро чашидан мумкин аст, бе он ки онро бихӯранд ва ё бинӯшанд. Ҳангоме ки ба Масеҳи дар салиб мехкӯбшуда сиркои бо заҳра омехтае пешниҳод карданд, Ӯ онро чашид, аммо нанӯшид (Мат. 27,34). *Чашидани* Масеҳ кофӣ нест; то даме ки мо ҷисми Писари Одамро нахӯрем ва хуни Ӯро нанӯшем, яъне то даме ки Ӯро ҳақиқатан чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул накунем, мо ҳаёт нахоҳем дошт (Юҳ. 6,53).

Онҳо *аз Рӯҳулқудс баҳраманд гардидаанд.* Пеш аз ба хулосаи шитобкорона омадан оид ба он ки ин ҳатман тавбаро дар назар дорад, ба худ ёдрас намудан лозим аст, ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти одам то тавбаи ӯ низ хизматгузорӣ мекунад. Ӯ беимононро тақдис мекунад (1Қур. 7,14), ва ба ҳолати зоҳиран имтиёзнок мегузорад. Ӯ беимононро бар гуноҳ, ҳақиқат ва доварӣ мулзам мекунад (Юҳ. 16,8). Ӯ одамонро ба тавба мебарад ва ба Масеҳ чун ба умеди ягона ишорат мекунад. Ҳамин тариқ, одамон

метавонанд дар некӯиҳое ки Рӯҳулқудс медиҳад, иштирок кунанд, ҳатто агар Ӯ дар онҳо зиндагӣ накунад ҳам.

**6,5** Онҳо *каломи неки Худоро чашидаанд.* Мавъизаи Хушхабарро шунида, онҳо бепарво намонданд, дилҳояшон ба сӯи он майл карданд. Онҳо чун тухмии дар санглох кошташуда буданд: онҳо Каломро шуниданд ва фавран бо хушнудӣ онро қабул карданд, аммо онҳо реша надоштанд. Онҳо муддате бардошт карданд, аммо чун аз боиси Калом бар онҳо мавҷи таъқибот ва мусибатҳо фурӯ рехт, онҳо зуд ҷудо шуда афтоданд (Мат. 13,20.21).

Онҳо *қувваҳои давраи ояндаро чашидаанд. Қувваҳо* ин ҷо маънои муъҷизаҳоро доранд. *Давраи оянда* Подшоҳии Ҳазорсола, давраи меомадаи осоиш ва гулгулшукуфӣ мебошад, ҳангоме ки Масеҳ бар замин ҳазор сол ҳукмронӣ хоҳад кард. Муъҷизаҳое ки дар ибтидои масеҳият ба мавъизаҳои Хушхабар ҳамроҳӣ мекарданд (Ибр. 2,4), пешакӣ чашидани аломатҳо ва муъҷизаҳое буданд, ки дар Подшоҳии Масеҳ ба амал хоҳанд омад. Он одамон бо чашмони худ муъҷизаҳоро дида буданд ва, шояд, ҳатто дар онҳо иштирок доштанд. Масалан, муъҷизаро бо нонҳо ва моҳиён гирем. Баъди он ки Масеҳ панҷ ҳазорро сер кард, одамон аз пайи Ӯ ба он сӯи баҳр рафтанд. Наҷотдиҳанда дарк мекард, ки агарчи онҳо муъҷизаро чашиданд, ба Ӯ бовар накарданд. Ӯ ба одамон гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Маро на ба сабаби муъҷизаҳое ки дидед, балки ба он сабаб ҷустуҷӯ мекунед, ки нон хӯрда, сер шудед» (Юҳ. 6,26).

**6,6** Агар ҳамаи имтиёзҳои ҳоло тасвиршударо гирифта, онҳо *ҷудо шуда афтанд,* онҳоро бо *тавба нав* кардан имконнопазир хоҳад буд. Онҳо гуноҳи муртадиро содир карданд. Онҳо то ҷое расиданд, ки нур хомӯш мешавад ва роҳ ба сӯи дӯзах мебарад.

Оиди гуноҳи азиме ки бар дӯши муртад меафтад, ин суханон мегӯянд: *«... онҳо Писари Худоро ба зарари худашон боз ба салиб мекашанд ва беобрӯ месозанд».* Муртадӣ – на танҳо сабукфикрона сарфи назар кардани Масеҳ, балки бошуурона, хашмгинона ва таҳқиромез рад кардани Ӯст. Ин дидаву дониста хиёнат кардан, дохил шудан ба қатори қувваҳои мухолифи Ӯ, истеҳзо бар Шахсият ва кори Ӯст.

---

**МУРТАДӢ**

Муртадон шахсонеанд, ки Хушхабарро мешунаванд, изҳор мекунанд, ки масеҳӣ шудаанд, ба Калисои Масеҳӣ ҳамроҳ мешаванд, сипас ба имон пайравӣ карданро тарк мекунанд, қатъиян Масеҳро инкор мекунанд, ҷамоати масеҳиро тарк мекунанд ва ба тарафи душманони Худованд Исои Масеҳ мегузаранд. Муртадӣ гуноҳест, ки танҳо одамони беимон содир карда метавонанд, ки онҳо на қурбони фиреб шудаанд, балки бошуурона, дидаву дониста, бар зидди Худованд баромадаанд.

Ин гуноҳро бо гуноҳи беимонии одӣ, ки Хушхабарро мешунавад, аммо ба он ҳеҷ аксуламале нишон намедиҳад, набояд омехта кард. Масалан, одам, бо вуҷуди даъватҳои бисёри Рӯҳулқудс, ба назди Масеҳ намеояд. Аммо вай муртад нест. Вай ҳанӯз наҷот ёфта метавонад, агар ба Наҷотдиҳанда пурра боварӣ кунад. Албатта, агар вай дар беимонӣ бимирад, ба таври доимӣ ҳалок мешавад, аммо то даме ки вай қобилияти ба Худованд бовар карданро дорад, вазъияти вай илоҷнопазир нест.

Муртадиро бо ақибравӣ дар имон низ набояд омехта кард. Масеҳии ҳақиқӣ аз Масеҳ хеле дур шуда метавонад. Гуноҳ ба муносибати вай бо Худо халал мерасонад. Эҳтимол, вай ҳатто ба дараҷае мерасад, ки дигар чун масеҳӣ шинохта намешавад. Аммо вайро аз нав ба мушоракат бо Худо дохил кардан мумкин аст, агар гуноҳашро эътироф кунад ва аз он даст кашад (1Юҳ. 1,9).

Муртадӣ гуноҳи афвнопазири дар Инҷилҳо зикршуда нест. Он ба мири девҳо нисбат додани муъҷизаҳои Худованд Исо буд. Дар асл муъҷизаҳои Ӯ бо қувваи Рӯҳулқудс ба амал оварда мешуданд. Ба шайтон нисбат додани онҳо баробар бо куфргӯӣ ба Рӯҳулқудс буд, зеро аз ин бармеомад, ки Рӯҳулқудс шайтон буд. Исо гуфт, ки ин хел гуноҳ ҷовидона бахшида намешавад (Марқ. 3,22-30). Муртадӣ бо куфр ба Рӯҳулқудс дар он баробар аст, ки ин гуноҳ абадист, аммо монандии онҳо бо ҳамин тамом мешавад.

Ман чунин меҳисобам, ки муртадӣ бо гуноҳи дар 1Юҳанно 5,16 зикршуда, ки анҷомаш марг аст, баробар аст. Юҳанно дар хусуси одамоне менавишт, ки оид ба имони худ ба Масеҳ изҳор карда, дар фаъолияти калисоҳои маҳаллӣ иштирок менамуданд. Онҳо

таълимоти дурӯғини гностикҳоро қабул карда, бо писханди таҳқиромез ҷамоати масеҳиро тарк карданд. Рафтани намоишкоронаи онҳо аз он шаҳодат медод, ки онҳо ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд (1Юҳ. 2,19). Бо тамоми овоз Масеҳ будани Исоро инкор карда (1Юҳ. 2,22), онҳо гуноҳе содир намуданд, ки оқибаташ марг аст, ва оид ба барқароршавии рӯҳонии онҳо дуо кардан бефоида буд (1Юҳ. 5,16).

Боби 6-уми Нома ба Ибриён ва ҷойҳои ба ин монанд дар дили бисёр масеҳиёни самимӣ изтироб андохтааст. Шайтон ин оятҳоро ба кор мебарад, то он масеҳиёнеро, ки дар соҳаҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва эҳсосотӣ бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мешаванд, аз роҳ барорад. Онҳо метарсанд, ки аз Масеҳ ҷудо шуда афтодаанд, ва ба барқароршавӣ умед бастан бефоида аст. Он факт, ки ин масъалаҳо онҳоро ба ҳаяҷон меоранд, худ аз худ исботи он аст, ки онҳо муртад нестанд! Муртадро ин гуна тарсҳо азоб намедоданд, вай дилсардона Масеҳро инкор мекард.

Агар гуноҳи муртадӣ ба масеҳии ҳақиқӣ муносибате надошта бошад, пас он имрӯзҳо ба кӣ дахл дорад? Масалан, он ба ҷавоне дахл дорад, ки дар хусуси ба Масеҳ имон доштанаш изҳор мекунад, ва, гӯё, муддате устуворона аз пайи Ӯ меравад. Аммо ҳамин вақт дар ҳаёти вай чизе рӯй медиҳад. Шояд, ӯро бераҳмона таъқиб мекунанд. Ё вай хато карда, ба чоҳи фисқу фуҷур меафтад. Ё аз далелҳои зиддимасеҳии муаллимон-атеистон шасти вай гаштааст. Ҳақиқатро дар тамоми пуррагияш донista, ӯ бошуурона аз он рӯ мегардонад. Вай аз Масеҳ пурра даст мекашад ва ҳар як таълимоти поки имони масеҳиро бадхашмона зери по мекунад. Навиштаи Муқаддас мегӯяд, ки ин гуна шахсро бо тавба нав кардан имконнопазир аст, ва таҷриба ҳаққонияти онро тасдиқ мекунад. Мо бисёриҳоро дидаем, ки аз Масеҳ дур шудаанд, аммо ягон касеро надидаем, ки ба назди Ӯ баргашта бошад.

Мо ба анҷоми ин замон наздик мешавем ва ҳақ дорем интизор бошем, ки мавҷи муртадӣ афзун хоҳад шуд (2Тас. 2,3; 1Тим. 4,1). Бинобар ин бо ҳар рӯзи мегузашта огоҳонидан оид ба муртадӣ боз ҳам бамавридтар мешавад.

**6,7** Акнун дар ҷустуҷӯи шабоҳатҳое ки масеҳии ҳақиқӣ (о. 7) ва муртадро (о. 8) тасвир мекунанд, муаллиф ба табиат рӯ меорад. Дар ҳар ду маврид одам бо замин монанд карда мешавад. Имтиёзҳои дар оятҳои 4 ва 5 номбаршуда ба *борони* ҳаётбахш монанд карда мешаванд, ва ҳосилоте ки замин медиҳад, рамзи ҷавоби қатъии одам ба имтиёзҳои гирифтааш мебошанд. Ин, дар навбати худ, баракатнок ё лаънатӣ будани заминро ҳал мекунад.

Масеҳии ҳақиқӣ ба замине монанд аст, ки *боронро мехӯрад,* растаниҳои фоиданокро мерӯёнад ва *аз Худо* баракат меёбад.

**6,8** Муртад ба замине монанд аст, ки ҳамчунин миқдори кофии намиро мегирад, аммо ба ғайр аз *хору хас* чизи дигаре *намерӯёнад.* Он ҳама чизи даркориро мегирад, аммо ҳеҷ гоҳ растаниҳои фоиданокро намерӯёнад. Ин замин бефоида аст. Он аллакай маҳкум шудааст. Фарҷоми он *сӯхтан* аст.

**6,9** Дар оятҳои 9 ва 10 ду ишорати нисбатан мушаххас ба он ҳаст, ки муртадони дар оятҳои гузашта зикршуда беимонанд. Авалӣ зуд тағйир ёфтани ҷонишин аст. Оид ба муртадон сухан ронда, муаллиф ҷонишини «онҳо»-ро ба кор мебарад. Акнун бошад, ба масеҳиёни ҳақиқӣ муроҷиат карда, вай ба ҷонишини *«шумо»* рӯ меоварад.

Ишорати дуюм боз ҳам аниқтар аст. Суханони худро ба масеҳиён нигаронида, муаллиф мегӯяд: *«Аммо дар хусуси шумо, эй маҳбубон, мо яқин дорем, ки шумо дар ҳоли беҳтар ва ба наҷот наздике мебошед»*. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи шахсони дар оятҳои 4-6 ва 8 тасвиршуда ба наҷот наздик нестанд, яъне онро надоранд.

**6,10** Дар ҳаёти ин муқаддасон ду нишонаи наҷот равшан зоҳир шудааст: *кори* онҳо ва *меҳнати муҳаббати* онҳо. Имони онҳо ифодаи худро дар ҳаёти некӯкорона ёфтааст; онҳо он чиро низ доранд, ки нишонаи фарққунандаи масеҳии ҳақиқист – *муҳаббати* амалӣ ба оилаи рӯҳонии худ. Онҳо хизматро ба халқи Ӯ ба хотири номи Худованд давом медоданд.

**6,11** Таассуроте ҳосил мешавад, ки ду ояти оянда ба гурӯҳи дигари одамон дахл дорад – ба онҳое ки муаллиф ба онҳо боварӣ надошт. Инҳо ононе мебошанд, ки чунон ки ба назар менамуд, ба васвасаи бозгашт ба яҳудият дучор мешаванд.

Пеш аз ҳама муаллиф орзуманд аст, ки онҳо *то ба охир* ҳамин гуна *ғайратро* дар амалӣ гардондани *умеди комил* нишон диҳанд, чунон ки масеҳиёни ҳақиқӣ инро мекунанд. Вай мехоҳад, ки онҳо устуворона бо Масеҳ роҳ раванд, то даме ки умеди ниҳоии масеҳӣ дар осмон амалӣ мегардад. Ин далели воқеияти он хоҳад буд.

**6,12** Онҳо бояд *танбал* нашаванд, ба пояшон истироҳат кардан ва ба рӯҳашон хобиданро иҷозат надиҳанд. Онҳо бояд ба ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ, *ки ба воситаи имон ва пурсабрӣ вориси ваъдаҳо мегарданд, тақлид* карда, доимо ба пеш ҳаракат кунанд.

**6,13** Оятҳои хотимавии боби шаш бо насиҳат дар ояти 12 вобастаанд: бо боварӣ ва пурсаброна ба пеш ҳаракат кардан. Мисоли *Иброҳим* ба шакли омиле дода мешавад, ки дурустии умеди масеҳиро тасдиқ мекунад.

Таассуроте ҳосил шуда метавонад, ки ба як маъное масеҳӣ дар вазъияти номусоид аст. Ба хотири Масеҳ вай аз ҳама чиз даст кашид, вай ба ҳеҷ гуна натиҷаҳои моддӣ нарасид. Ҳама чиз танҳо дар оянда аст. Чӣ гуна вай метавонад боварӣ дошта бошад, ки имонаш беҳуда нест?

Ҷавобро ба ин дар *ваъдаи Худо ба Иброҳим* меёбем, ки он ҷо дар шакли ҷанинӣ ҳамаи он чи Ӯ дертар ба мо дар Шахсияти Масеҳ ато мекунад, мавҷуд буд. Ин ваъдаро дода, *Худо бо Зоти Худ қасам ёд кард,* чунки *бо каси бузургтаре наметавонист қасам ёд кунад.*

**6,14** Ин ваъда дар Ҳастӣ 22,16.17 навишта шудааст: «Ба Зоти Худ қасам ёд мекунам, – мегӯяд Худованд, – азбаски ту ин корро кардӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, дареғ надоштӣ, – туро бисёр баракат хоҳам дод ва насли туро хеле афзун мекунам». Худо бо Зоти Худ қасам хӯрд, ки ба қавли Худ вафо мекунад, ва аз ин рӯ иҷрои ин ваъда кафолат дода шуда буд.

**6,15** Иброҳим ба Худо бовар кард; вай босаброна интизор буд ва иҷрошавии ваъдаро ба даст овард. Рост аст, ки Иброҳим ба Худо бовар карда, ҳеҷ чизеро ба хатар намеандохт. Дар тамоми олам ҳеҷ чизе аз сухани Худо боэътимодтар нест. Метавон дилпур буд, ки ҳар *ваъдаи* Худо иҷро мешавад мисли он ки аллакай рӯй дода бошад.

**6,16** Бо ҳамонандони худ корҳоро ҳал намуда, одам бо ягон чизи *бузургтар* аз худ *қасам ёд мекунад.* Дар маҳкамаҳои Амрико, масалан, одамон ваъда медиҳанд, ки рост мегӯянд, ва баъд илова мекунанд: «Бигузор Худо ба ман ёрӣ диҳад». Онҳо ба Худо муроҷиат мекунанд, то тасдиқ намояд, ки он чи гуфтанӣ ҳастанд, рост аст.

Ҳангоме ки одам барои тақвияти ваъдаи худ *қасамро* ба забон меорад, ин одатан ба ҳар *баҳс* хотима медиҳад. Ҳама мефаҳманд, ки ба қавл вафо карда мешавад.

**6,17** *Худо* мехост, ки халқи имондори Ӯ боварии мутлақ дошта бошад, ки ҳар он чи Ӯ ваъда додааст, ҳатман иҷро мешавад. Албатта, барои ин танҳо як сухан кофӣ буд, аммо Ӯ мехост ҳаққонияти ваъдаро возеҳтар *нишон диҳад.* Бинобар ин Ӯ ба ваъда *қасамро* илова намуд.

*Ворисони ваъда* – ҳамаи касоне ки имон онҳоро фарзандони Иброҳими амин кардааст. *Ваъдае* ки ин ҷо оид ба он сухан меравад, – ваъдаи наҷоти абадӣ ба ҳамаи онҳоест, ки ба Масеҳ имон доранд. Ваъдаи Худо дар хусуси ба Иброҳим додани насл дар Масеҳ ба таври пурра ва ниҳоӣ иҷро шуд, бинобар ин ба ваъда ҳамаи он баракатҳое дохил карда шуда буданд, ки аз иттиҳод бо Масеҳ бармеоянд.

**6,18** Акнун масеҳӣ *ду чизи тағйирнопазир* дорад, ки ба онҳо боварӣ карда метавонад: сухани Ӯ ва қасами Ӯ. Чизи аз ин боварибахштарро ба худ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Худо ваъда медиҳад, ки ҳамаи онҳоеро, ки ба Масеҳ имон доранд, наҷот медиҳад; сипас ваъдаашро бо қасам тақвият медиҳад. Хулоса аён аст: масеҳӣ дар бехатарии абадист.

Дар оятҳои боқимондаи боби 6 муаллиф ба хонанда тамоми боварибахшии имони масеҳиро расонданӣ шуда, ба чор тимсол муроҷиат мекунад: 1) гурезгоҳ 2) лангар, 3) пешгузашта ва 4) Саркоҳин.

Дар аввал ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ чун гурезагоне тасвир ёфтаанд, ки аз ин ҷаҳони маҳкумшуда ба сӯи панохгоҳи осмонӣ мешитобанд. Онҳоро дар ин роҳ тасалло доданӣ шуда, Худо бароишон *умеди* хомӯшнашавандаеро дод, ки бар сухани Ӯ ва қасами Ӯ асос ёфтааст.

**6,19** Дар тӯфонҳо ва тирарӯзиҳои ҳаёт ин *умед* чун *лангар барои ҷон* хизмат мекунад. Донистани он ки ҷалолёбии мо ҳатман фаро мерасад, ба мавҷҳои шубҳа ва рӯҳафтодагӣ имкон намедиҳад, ки моро бо худ баранд.

*Лангар* на ба регҳои равони ин ҷаҳон партофта шудааст, он ба қудси осмонӣ «андармон» шудааст. Чунки мо ба лангар *умед* мебандем, яъне кафили умеди мо худи ҳузури Худо дар паси *парда* аст. Бо аниқ донистани он ки лангари мо он ҷост, мо бо ҳамин гуна аниқӣ медонем, ки низ дар он ҷо хоҳем буд.

**6,20** Исо ба қудси дарунӣ чун *Пешгузаштаи* мо низ дохил шудааст. Дар он ҷо будани Ӯ гарави он аст, ки охируламр ба он ҷо ҳамаи онҳое ки ба Ӯ тааллуқ доранд, медароянд. Гуфтан муболиға намешавад, ки содатарин масеҳӣ дар замин метавонад ҳамчунин боварӣ дошта бошад, ки ба монанди муқаддасони аллакай дар осмон буда ба осмон меравад.

Д. Андерсон-Беррӣ менависад:

*Калимае ки чун «пешгузашта» тарҷума шудааст, дигар дар ҳеҷ ҷои Инҷил вонамехӯрад. Ин мафҳум ягон бор ба хотири онҳое ки дар низоми левизодагон мезистанд, намеомад, чунки саркоҳин ба қудси қудсҳо танҳо чун намоянда медаромад. Вай ба он ҷое медаромад, ки ҳеҷ кас аз пайяш рафта наметавонист. Пешгузаштаи мо бошад гарави он аст, ки он ҷое ки Ӯ ҳаст, мо низ хоҳем буд. Чун Пешгузашта, Ӯ 1) дар хусуси дар оянда ба он ҷо омадани мо хабар дод; 2) аз номи мо ба ҳуқуқи тасарруфи ҷалоли осмонӣ дохил шуд; 3) рафт, то ҳамгоме ки мансубонаш меоянд, онҳоро гарму ҷӯшон пешвоз гирад, ва ба ҳузури Молики афлок оварад.*[7]

Тимсоли чорум *Саркоҳин* аст. Худованди мо *то абад Саркоҳин гардид ба монанди Малкисадақ*. Ҷовидонии саркоҳинии Ӯ гарави бехатарии ҷовидонии мост. Монанди он ки ҳеҷ хатаре дар он нест, ки марги Ӯ моро бо Худо оштӣ дод, ҳамон тавр он низ бегумон аст, ки ҳаёти Ӯ, чун Саркоҳини мо, аз дасти рости Худо моро наҷот медиҳад (Рум. 5,10).

Зикри *Исо* чун *Саркоҳин ба монанди Малкисадақ* ба мо ёдрас мекунад, ки ин мавзӯъ дар ояти 5,10 қатъ гашта буд, вақте муаллиф бозгашт намуд, то оид ба хатари муртадӣ огоҳ намояд. Акнун вай тайёр аст боз ба мавзӯи бартарии саркоҳинии Исо аз коҳинии Ҳорун баргардад. Муаллиф моҳирона ба мавзӯи асосии далеловарӣ баргашт.

**7,1** Малкисадақ шахсияти пурасрор буд, ки ба саҳнаи таърихи инсоният танҳо ба муддати кӯтоҳ пайдо шуд (Ҳас. 14,18-20). Баъди садсолаҳо номи ӯро Довуд зикр кард (Заб. 109,4). Сипас, боз ҳам бо гузаштани асрҳои зиёд, он дар Нома ба Ибриён пайдо мешавад. Як чиз бегумон аст: Худо ҷузъиёти ҳаёти ӯро чунон тартиб дод, ки ӯ тавонист тимсоли Худованди мо Исои Масеҳ шавад.

Дар се ояти аввали боби 7 фактҳои таърихӣ оид ба Малкисадақ зикр шудаанд. Ба мо ёдрас мекунанд, ки ӯ дар як вақт вазифаҳои *подшоҳ ва коҳинро* ба ҷо меовард. Вай *подшоҳи Салим* (ки дертар Уршалим номида шуд) ва *коҳини Худои Таоло* буд. Вай роҳбари сиёсӣ ва рӯҳонии халқи худ буд. Ин, албатта, идеали Худост – ки дунявӣ аз рӯҳонӣ ҷудо набошад. Ҳангоме ки кишварро шахси гуноҳкор идора мекунад, ҷудошавии калисо аз давлат комилан зарур аст. Муттаҳидшавии онҳо танҳо он вақт имконпазир мешавад, ки Масеҳ бо тамоми росткорӣ ҳукмронӣ хоҳад кард (Иш. 32,1.17).

Ҳангоме *Иброҳим* бо пирӯзии ҳарбӣ ба хона *бармегашт, Малкисадақ ба пешвози* вай *баромада, ӯро баракат дод*. Тамоми аҳамияти ин воқеа дар ояти 7 тасвир шудааст. Агар мо танҳо Аҳди Қадимро медоштем, ҳеҷ гоҳ аҳамияти ин ҷузъиёти гӯё камаҳамиятро намедонистем.

**7,2** *Иброҳим* аз ғанимати ҳарбӣ *даҳяк* ҷудо карда, ба ин подшоҳи пурасрор *дод*. Аммо ба мо лозим меояд, то оятҳои 4,6 ва 8-10 интизор шавем, пеш аз он ки маънои ниҳонии даҳяки Иброҳимро фаҳмем.

Дар Навишта номи шахс моҳияти ӯро тасвир мекунад. Мо мефаҳмем, ки маънои номи Малкисадақ *«подшоҳи росткорӣ»* ва маънои унвони ӯ (подшоҳи Салим) – *«подшоҳи осоиш»* аст.

Тасодуфӣ нест, ки *росткорӣ* пеш аз *осоиш* зикр мешавад. То даме ки адолат пирӯз нагардад, осоиш нахоҳад буд.

Инро мо дар мисоли кори Масеҳ возеҳан мебинем. Дар салиб эҳсон ва осоиш вохӯрда, якдигарро бӯсиданд (Заб. 84,11). Азбаски Наҷотдиҳанда ҳамаи талабҳои одилонаи Худоро, ки бар зидди гуноҳҳои мо равона шуда буданд, ба ҷо овард, мо бо Худо осоиш пайдо намуда метавонем.

**7,3** Шахсияти Малкисадақ боз ҳам пурасрортар мешавад, вақте мо мехонем, ки вай на *падар* дошт, на *модар,* на *насабнома,* на зода шудан, на марг. Агар мо ин калимаҳоро аз матнашон берун кунем, хулосае ба миён меояд, ки вай меҳмон аз осмон ё аз сайёраи дигар ва ё офаридаи махсуси Худо буд.

Аммо калиди фаҳмиш – дар матни онҳо таҳлил намудани ин калимаҳост. Ин ҷо мавзӯи асосӣ коҳинӣ аст. Муаллиф фарқи миёни коҳинии Малкисадақ ва Ҳорунро тасвир мекунад. Барои ба даст овардани ҳуқуқи коҳинӣ дар мартабаи Ҳорун одам бояд аз сибти Левӣ, аз оилаи Ҳорун бошад. Насабнома хеле муҳим буд. Ҳаққи вай дар ишғол намудани ин вазифа бо зода шудан сар шуда, бо марг ба анҷом мерасид.

Коҳинии Малкисадақ тамоман дигар буд. Он ба вай аз аҷдодонаш – коҳинон мерос намонда буд. Худо ӯро аз байни омма ҷудо карда, коҳин таъйин намуд. Дар он чи ба коҳинии вай дахл дорад, ягон маълумоте оид ба *падар, модар* ва *насабномаи* вай мавҷуд набуд. Дар ҳолати вай ҳамаи ин ҳеҷ аҳамияте надошт; агар сухан оид ба зикрҳои хаттӣ равад, дар ҳеҷ ҷой оид ба зода шудан ё марги вай чизе гуфта намешавад, бинобар ин коҳинии вай бо чорчӯбаи замонӣ маҳдуд нест.

Мо набояд ба хулосае оем, ки Малкисадақ волидон надошт, ва ӯ ҳеҷ гоҳ зода нашуда буд ва ҳеҷ гоҳ намурда буд. Ин ҷо гап дар бораи ин нест. Оят, моҳиятан, шаҳодат медиҳад, ки дар ҳамаи он чи ба коҳинии вай дахл дорад, навиштаҷоте дар хусуси ин масъалаи муҳим мавҷуд нестанд, чунки хизмати коҳинии вай ба инҳо вобаста набуд.

Вай Писари Худо набуд, чунон ки баъзеҳо барғалат чунин меҳисобанд, аммо аз он ҷиҳат *ба Писари Худо монанд* шуд, ки коҳинии ӯ бе қатъшавӣ давом дошт.

Акнун муаллиф нишон доданист, ки коҳинии Малкисадақ аз коҳинии Ҳорун болотар меистад. Ин исбот се далелро дар бар мегирад: далел оид ба даҳяк ва баракат додан, далели дахлдор ба тағйироти рӯйдодае ки коҳинии Ҳорунро иваз мекунад, ва далел оид ба абадӣ будани коҳинии Малкисадақ.

**7,4** Далели якум дар оятҳои 4-10 баён карда шудааст. Онро нидои нисбатан ғайриодӣ мекушояд, ки хонандаро даъват мекунад, то азамати Малкисадақро баҳо диҳад. Ҳатто *нахустпадар Иброҳим* ба вай аз ғанимати ҳарбӣ *даҳяк дод.* Азбаски Иброҳим дар осмони яҳудӣ ситораи дурахшонтарин буд, пас Малкисадақ ситораи боз ҳам бузургтар буд.

**7,5** Агар сухан оид ба коҳинии левизодагон равад, шариат ба онҳо ҳуқуқ медод, ки аз бародаронашон-яҳудиён *даҳяк* гиранд. Насабномаи ҳам коҳинон ва ҳам халқ ба *Иброҳим,* падари ҳамаи масеҳиён, рафта мерасид.

**7,6** *Аммо аз Иброҳим даҳяк гирифтани Малкисадақ* кори ғайриодӣ ва ғайрианъанавӣ буд. Иброҳим, ки даъват шуда буд, то падари халқе шавад, ки аз миёни он Масеҳ хоҳад омад, ба шахсе хироҷи эҳтиром месупурд, ки бо халқи интихобшуда ҳеҷ робита надошт. Ҳеҷ гуна монеаҳои авлодӣ барои коҳинии Малкисадақ садди роҳ намешуданд

Он факт низ камаҳамият нест, ки Малкисадақ Иброҳимро *баракат дод.* Вай гуфт: «Муборак аст Абром аз ҷониби Худои Таоло, Молики осмону замин» (Ҳас. 14,19.20).

**7,7** Ҳангоме ки як шахс шахси дигареро баракат медиҳад, чунин ҳисобида мешавад, ки бузург хурдро баракат медиҳад. Баракатгиранда аз баракатдиҳанда на дар сифатҳои шахсӣ ё ахлоқӣ, балки танҳо аз рӯи мартабааш поёнтар аст.

Ин далелҳои дар Аҳди Қадим асосёфтаро хонда, кӯшиш мекунем аксуламали хонандагони яҳудиро ба худ тасаввур намоем. Онҳо ҳамеша Иброҳимро чун яке аз бузургтарин қаҳрамонони миллӣ эҳтиром менамуданд, ва ин бесабаб набуд. Акнун онҳо донистанд, ки Иброҳим коҳини «ғайрияҳудӣ»-ро эҳтиром мекард. Ба худ як тасаввур кунед! Ин чиз ҳамеша дар Навиштаи Муқаддаси онҳо навишта шуда буд, аммо онҳо инро ҳеҷ гоҳ пайхас намекарданд.

**7,8** Дар коҳинӣ аз рӯи мартабаи Ҳорун *даҳякро* шахсоне ҷамъ мекарданд, ки худашон миранда буданд. Ба ҷои коҳини вафоткарда дигаре меомад, ба ҳамзамонони худ хизмат мекард ва сипас вай низ мемурд. Дар ҳолати Малкисадақ бошад дар ҳеҷ ҷой гуфта нашудааст, ки вай мурд. Ҳамин тариқ, вай метавонад намояндаи коҳиние бошад, ки бо абадӣ буданаш беҳамтост.

**7,9** Аз *Иброҳим* даҳякро қабул карда, Малкисадақ амалан онро аз *Левӣ* қабул мекард. Азбаски Левӣ сардори сибти коҳинон буд, ин баробар бо изҳорест, ки коҳинон дар мартабаи Ҳорун ба Малкисадақ даҳяк доданд, ва бо ҳамин бартарии ӯро эътироф намуданд.

**7,10** Чӣ гуна аст силсилаи фикрронихое ки имкон медиҳад изҳор кунем, ки Левӣ ба Малкисадақ даҳяк дод? Моҳиятан, ин даҳякро Иброҳим дод. Вай бобокалони Левӣ буд. Агарчи Левӣ он вақт ҳанӯз зода нашуда буд,

вай *дар камари* Иброҳим буд, яъне муқаррар шуда буд, ки вай аз авлоди нахустпадар шавад. Ба Малкисадақ даҳяк дода, Иброҳим чун намояндаи тамоми насли худ амал мекард. Ҳамин тариқ, Левӣ ва тамоми коҳиноне ки аз насли вай баромадаанд, аз Малкисадақ ва коҳинии вай як зина поёнтар буданд.

**7,11** Дар оятҳои 11-20 боз як далел ба фоидаи бартарии коҳинии Малкисадақ бар коҳинии Ҳорун баён шудааст. Ин дар он аст, ки дар коҳинӣ ивазшавӣ ба амал омад. Коҳинии Масеҳ коҳинии левизодагонро иваз кард. Агар коҳинии левизодагон ба мақсади дар наздаш гузошташуда комилан ва ба таври ниҳоӣ мерасид, ба ин зарурате намебуд.

Аммо дар асл *камол ба воситаи* низоми *левизодагӣ муяссар* намешуд. Он наметавонист гуноҳро бартараф кунад, ибодаткунанда ҳаргиз наметавонист фаҳмад, ки виҷдони ором чист. Коҳиние ки ба воситаи шариати Мусо муқаррар шуда буд, тавон надошт нуқтаи охиринро гузорад.

Аммо акнун коҳинии навъи дигар амалро сар кард. Акнун Коҳини комил омад, *ва коҳинии вай* на *ба монанди Ҳорун,* балки *ба монанди Малкисадақ номида* мешуд.

**7,12** Факти *дигаргунии коҳинӣ* хоҳ-нохоҳ ба хулосае меорад, ки тамоми маҷмуи қонунҳои шаръӣ низ, ки коҳинӣ бар онҳо асос ёфта буд, дигаргун шудааст. Ин изҳори хеле радикалист! Чун занги соат, он рафтани тартиби кӯҳна ва фаро расидани тартиби навро хабар медиҳад. Мо акнун таҳти шариат нестем.

**7,13** Оиди дигаргуниҳо дар шариат он факт шаҳодат медиҳад, ки Худованд Исо *ба сибте мансуб буд,* ки аз рӯи қонуни шаръии левизодагон ба хизмати коҳинӣ роҳ дода намешуд.

**7,14** *Худованди мо аз қабилаи Яҳудо* буд. Шариати Мусо ҳеҷ гоҳ ба касе аз намояндагони ин сибт ҳуқуқи коҳин буданро намедод. Аммо бо вуҷуди он Исо Коҳин аст. Чаро ин тавр буда метавонист? Чунки шариат дигаргун карда шуд.

**7,15** Муаллиф боз як шаҳодати тасдиққунандаи онро дорад, ки дар қонун оид ба коҳинӣ дигаргуниҳои азиме ба амал омадаанд. *Коҳини* навъи *дигаре ба монанди Малкисадақ ба майдон омад,* ва ҳаққи Ӯ барои ишғоли ин вазифа аз ҳаққи писарони Левӣ фарқ дорад.

**7,16** Коҳинони левизода ҳаққи ишғоли ин вазифаро ба шарофати иҷрои талаботи шариат, ки ба мансубияти табиӣ ба сибти муайян дахл дошт, ба даст оварданд. Онҳо бояд дар сибти Левӣ ва дар оилаи Ҳорун зода мешуданд.

Аммо ҳаққи ба монанди Малкисадақ Коҳин буданро ба Худованд *ҳаёти бепоёни Ӯ* медиҳад. Ин масъалаи насабнома нест, балки ба қудрат ва қувваи Ӯ дахл дорад. Ӯ абадан зиндагӣ мекунад.

**7,17** Тасдиқи онро дар Забур 109,4 пайдо мекунем, ки он ҷо Довуд ба коҳинии Масеҳ ишорат мекунад: «Ту *коҳин ҳастӣ то абад, ба монанди Малкисадақ».* Ин ҷо зада ба калимаҳои *«то абад»* гузошта шудааст. Хизматгузории Ӯ ҳеҷ гоҳ анҷом намеёбад, чунки ҳаёти Ӯ ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад.

**7,18** Шариат, ки коҳинии левизодагонро муқаррар карда буд, *ба сабаби сустӣ ва бефоидагии он, бекор карда* шуд. Он бо омадани Масеҳ бекор карда шуд.

Шариат ба кадом маъно заиф ва бефоида буд? Оё онро Худи Худо надодааст? Оё Худо ягон чизи заиф ва бефоидаро дода метавонад? Ҷавоб чунин аст: мувофиқи нақшаи Худо ин қонуни шаръӣ набояд қонуни ниҳоии коҳинӣ мешуд. Он зинаи тайёрӣ барои омадани коҳинии идеалии Масеҳ буд. Он намунаи муваққатӣ ва нопурраи чизи ниҳоӣ ва комил буд.

**7,19** Шариат ба он маъно низ заиф ва бефоида буд, ки *он ҳеҷ чизро ба камол нарасондааст.* Одамон ҳеҷ гоҳ тавон надоштанд, ки ба ҳузури Худо ба қудси қудсҳо дароянд. Ин масофаи байни Худо ва одам доимо ёдрас мекард, ки масъалаи гуноҳ ҳанӯз барои ҳамеша ҳал нагардидааст.

Акнун бошад *умеди беҳтаре ҷои онро гирифт, ки ба воситаи он мо ба Худо наздик меоем.* Ин *умеди беҳтар* – Худи Худованд Исо аст; ҳамаи онҳое ки Ӯ барояшон умеди беҳтар шуд, ҳар лаҳза ба ҳузури *Худо* иҷозат доранд.

**7,20** Дигаргунӣ на танҳо дар тартиби коҳинӣ ва дар қонуни коҳинӣ, балки, чунон ки мо ҳозир мебинем, дар тарзи «расман ба вазифа ворид намудан» низ ба амал омад. Ин ҷо дар маркази далеловарӣ он аст, ки дар робита бо коҳинии Масеҳ Худо ба *қасам* рӯ овард. Қасам рамзи воридшавии як чизи тағйирнаёбанда ва абадист. Рейнсберӣ мегӯяд: «Таъсирбахшӣ ва ҷовидонии коҳинии Худованди

мубораки мо Исо на бо чизи дигаре, балки бо қасами Худои тавоно кафолат дода мешавад».[8]

**7,21** Коҳинон аз рӯи мартабаи Ҳорун *бе қасам* таъйин карда мешуданд. Бо ин дар назар дошта мешавад, ки коҳинии онҳо аз аввал на чун абадӣ, балки чун муваққатӣ андешида шуда буд.

Масеҳро коҳин таъйин намуда, Худо ба вай *бо қасам* муроҷиат намуд. Ин қасам дар Забур 109,4 оварда шудааст: *«Худованд қасам хӯрдааст, ва афсӯс намехӯрад: Ту коҳин ҳастӣ то абад, аз рӯи мартабаи Малкисадақ»*. Ҳендерсон мегӯяд:

*Ҳангоми таъйин кардани Масеҳ Худо ба ҳақиқатҳои ҷовидонии тахти Худ ва сифатҳои тағйирнаёбандаи табиати Худ чун кафолат ишорат мекунад. Агар онҳо дигаргун шуда тавонанд, коҳинии нав низ дигаргун шуда метавонад. Вагарна ин номумкин аст.*[9]

**7,22** Аз ин бармеояд, ки *Исо ба аҳди беҳтаре зомин шуд*. Коҳинӣ дар мартабаи Ҳорун қисми Аҳди Қадим буд. Коҳинии Масеҳ бо аҳди нав вобаста аст. Аҳд бо коҳинӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Аҳди нав созиши пурфайз бе ягон шарт аст, ки Худо бо хонаи Исроил ва хонаи Худо мебандад, ҳангоме ки Худованд Исо дар замин Подшоҳии Худро барпо мекунад (Ирм. 31,33.34). Масеҳиён аллакай имрӯзҳо аз баъзе баракатҳои Аҳди Нав ҳаловат мебаранд, аммо он то дами чун миллат барқарор шудан ва наҷот ёфтани Исроил пурра иҷро намешавад.

*Исо* ба он маъно *зомини* аҳди нав аст, ки Ӯ Худ аз Худ Кафил аст. Ӯ бо марг, дафн ва растохези Худ асоси росткоронае гузошт, ки ба Худо имкон медиҳад шартҳои аҳдро иҷро кунад. Коҳинии беинтиҳои Ӯ бо иҷрошавии бегумони шартҳои аҳд вобаста аст.

**7,23** Акнун мо ба далели сеюми хотимавӣ ба фоидаи бартарии коҳинӣ дар мартабаи Малкисадақ наздик мешавем.

Дар Исроил коҳинон *бисёр* буданд. Мегӯянд, ки дар давоми таърихи миллат дар Исроил 84 саркоҳин ва, албатта, миқдори зиёди *коҳинони* одӣ буданд. Ин вазифа вақт-вақт ба сабаби *марги* коҳин аз яке ба дигаре мегузашт. Ин таваққуфҳои ноилоҷ ба хизматгузорӣ зарар мерасониданд.

**7,24** Агар сухан оид ба коҳинии Масеҳ равад, ин ҷо чизе ба монанди ин буда наметавонад, чунки Ӯ *то абад* зинда аст. *Коҳинии* Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ касе нагузаштааст, ҳеҷ гуна таваққуфҳо таъсирнокии онро паст карда наметавонанд. Он *бефано* аст ва ба каси дигар намегузарад.

**7,25** Ӯ ҷовидона зиндагӣ мекунад, *ва ба ин сабаб метавонад доимо онҳоеро, ки ба воситаи Ӯ сӯи Худо меоянд, наҷот диҳад*. Одатан инро чун ишорат ба кори Ӯ оид ба аз ҳукмронии гуноҳ наҷот додани гуноҳкорон мефаҳманд, аммо дар асл муаллиф дар бораи кори Масеҳ оид ба наҷот додани муқаддасон аз ҳукмронии гуноҳ мегӯяд. Ин ҷо Ӯ бештар нақши Саркоҳинро дорад, на Наҷотдиҳанда. Ба ҳеҷ як масеҳӣ хатари ҳалок шудан таҳдид намекунад. Бехатарии ҷовидонии онҳо дар *шафоати Ӯ барои онҳост. Ӯ доимо метавонад онҳоро наҷот диҳад* чунки хизмате ки Ӯ барои онҳо дар ямини Худо ба ҷо меорад, ҳеҷ гоҳ аз боиси марг қатъ намегардад.

**7,26** Коҳинии Масеҳ аз коҳинии Ҳорун ба сабаби бартарии шахсии Ӯ бартарӣ дорад. Ӯ дар вазъи Худ назди Худо *муқаддас* аст. Ӯ дар муносибатҳои Худ бо одамон *аз бадӣ дур* аст. Ӯ дар хислати Худ *беайб* аст. Дар ямини Худо буда, Ӯ аз *гуноҳкорон ҷудост*. Дар шукӯҳи ҳозира ва ояндаи худ Ӯ *аз афлок болотар баромадааст*. Мо ба чунин Саркоҳин *эҳтиёҷ дорем*.

**7,27** Ба хилофи коҳинии левизодагон, Саркоҳини мо *эҳтиёҷ надорад ҳар рӯз қурбониҳо тақдим кунад;* Ӯ инро *як бор* ва барои ҳамеша кард. Ӯро лозим нест, ки *барои гуноҳҳои Худаш* қурбониҳо оварад, чунки Ӯ мутлақо бегуноҳ аст. Сеюм чизе ки Ӯро аз коҳинони пештара фарқ мекунонад, он аст, ки Ӯ *Худро* барои гуноҳҳои халқ ба *унвони қурбонӣ тақдим кард*. Саркоҳин Худро ба унвони қурбонӣ тақдим кард. Файзи ҳайратовари Исо, ки ҳамто надорад!

**7,28** *Шариат* одамонеро *коҳин* таъйин мекунад, ки худашон нокомил ва *гирифтори заъф* ҳастанд, покии онҳо танҳо маросимист.

*Қасами* Худо, ки баъди шариат дода шуда буд, *Писареро, ки то абад комил шудааст,* чун Саркоҳин *таъйин кард*. Муаллиф аллакай ба ин қасам дар ояти 21, ҳангоми иқтибос овардани Забур 109,4 ишора карда буд.

Дар маводе ки мо ҳозир аз назар гузарондем, маънои ботиние ҳаст, ки барои мо аз аҳамият холӣ нест. Дар ивази коҳинии одамӣ коҳинии илоҳӣ ва ҷовидон омад. Барпо намудани низомҳои коҳиние ки мувофиқи намунаи

Аҳди Қадим сохта шудаанд, ва даҳолат ба вазифаҳои Саркоҳини бузурги мо аблаҳона аст!

### Б. Бартарии хизмати Масеҳ аз хизмати Ҳорун (Б. 8)

**8,1** Дар оятҳои оянда нишон дода шудааст, ки хизмати Масеҳ аз хизмати Ҳорун бартарӣ дорад, чунки ҳам қудсе ки Ӯ он ҷо инро ба ҷо меоварад (о. 1-5), ҳам аҳде ки Ӯ инро мувофиқи он ба ҷо меоварад (о. 7-13), беҳтар аст.

Акнун муаллиф дар силсилаи исботҳои худ ба *чизи асосӣ* наздик шуд. Вай ҳамаи гуфтаҳои пештарaро ҷамъбаст намекунад, балки тезиси асосии худро, ки аз худи аввали нома хонандаро ба он ҳидоят менамуд, тасвия медиҳад.

*Мо чунон Саркоҳине дорем.* Дар калимаҳои «*мо дорем*» тантана садо медиҳад. Ин суханон ҷавоб ба он яҳудиён мебошанд, ки ба масеҳиёни аввалин пичинг мезаданд: «Мо хаймаи ҷомеъ дорем; мо коҳинӣ дорем; мо қурбониовариҳо дорем; мо анъанаҳо дорем; мо парастишгоҳ ва либосҳои зебои коҳинонро дорем». Дар ҷавоб масеҳиён бо боварӣ мегӯянд: «Ҳа, шумо сояҳо доред, мо бошем – таҷассуми онҳоро. Шумо анъанаҳо доред, мо бошем Масеҳро дорем. Шумо тасвирҳо доред, мо бошем Шахсиятро дорем. Ва Саркоҳини мо *аз дасти рости тахти Кибриё дар осмон нишастааст.* Ҳеҷ коҳине ҳеҷ гоҳ баъди кори анҷомдодааш нанишаста буд, ва ҳеҷ кадоме ин гуна мақоми иззат ва қудратро ишғол накарда буд».

**8,2** Ӯ дар *қудси* афлок ба халқ хизмат мекунад. Ин *хаймаи ҳақиқист,* ва хаймаи заминӣ фақат нусха, ё тимсоли он буд. *Хаймаи ҳақиқиро,* бар хилофи хаймаи заминӣ, *Худо барпо кардааст, на одамизод.*

**8,3** Азбаски яке аз вазифаҳои асосии *саркоҳин тақдим кардани ҳадия ва қурбониҳо* буд, пас, Саркоҳини мо низ бояд инро кунад.

*Ҳадияҳо* истилоҳи умумиест, ки тамоми намудҳои қурбониҳои ба Худо тақдим мешударо дар бар мегирад. *Қурбониҳо* он ҳадияҳое мебошанд, ки боиси марги ҳайвон мешуданд. Масеҳ чӣ меорад? Ба ин савол то худи боби 9 ҷавоби рӯйрост дода намешавад.

**8,4** Ин оят ба саволе ки Масеҳ чӣ меорад, ҷавоб надода, ба мо хотиррасон мекунад, ки *дар замин* Ӯ ҳақ намедошт дар хаймаи ҷомеъ ё дар парастишгоҳ ҳадияҳо тақдим намояд. Худованди мо на аз сибти Левӣ ё оилаи Ҳорун, балки аз сибти Яҳудо буд. Бинобар ин Ӯ барои хизмат дар қудси заминӣ мувофиқ намеомад. Ҳангоме дар Инҷил мехонем, ки Исо ба парастишгоҳ даромад (ниг. Луқ. 19,45), бояд фаҳмем, ки Ӯ дар ҳудуди он буд, аммо ба қудс ва қудси қудсҳо надаромада буд.

Табиист, ки ин ҷо саволе ба миён меояд: Оё Масеҳ ҳангоми дар рӯи замин буданаш ягон вазифаеро аз вазифаҳои саркоҳин ба ҷо оварда буд, ё Ӯ меҳнати коҳинии Худро танҳо баъди боло рафтан сар кард? Маънои асосии ояти 4 дар он аст, ки Ӯ дар замин ҳақ надошт хизмати коҳини левизодаро ба ҷо оварад ва дар парастишгоҳи Уршалим хизмат карда наметавонист. Аммо ин маънои онро надорад, ки Ӯ вазифаҳои коҳинро дар мартабаи Малкисадақ ба ҷо оварда наметавонист. Дар ниҳояти кор, дуои Ӯ дар Юҳанно 17 – дуои саркоҳин аст, ва дар Ҷолҷолто Худро чун қурбонии комил тақдим намудан низ, бешубҳа, амали коҳинӣ буд (ниг. 2,17).

**8,5** Хаймаи ҷомеъ дар замин нусхаи *хаймаи осмонӣ* буд. Тарзи сохти он нишон медод, ки чӣ гуна халқи аҳди Худо дар парастиш ба Худо наздик шуда метавонист. Аввал дари ҳавлии берунӣ буд, сипас қурбонгоҳи сӯхтанӣ, баъд ҷои шустушӯй. Баъд аз ин коҳинон ба қудс медаромаданд, саркоҳин бошад ба қудси қудсҳо медаромад, ки Худо он ҷо Худро зоҳир менамуд.

*Хаймаи* ҷомеъ ҳеҷ гоҳ нақши қудси ниҳоиро надошт. Он танҳо *сурат ва соя* буд. Ҳангоме ки Худо *Мусоро* ба куҳи Сино даъват намуд ва фармуд, ки хаймаи ҷомеъро созад, Ӯ нақшаи муфассалеро дод, ки ба он пайравӣ кардан лозим буд. Ин *сурат* рамзи воқеияти рӯҳонии баландтар, осмонӣ, буд.

Чаро муаллиф инро бо чунин ҷидду ҷаҳд таъкид мекунад? Вай мехоҳад ба фаҳми ҳар касе ки дар рӯ ба рӯи васвасаи бозгашт ба яҳудият истодааст, расонад, ки вай ба ҷои аз соя ба воқеият рафтан воқеиятро ба хотири соя тарк мекунад.

Ояти 5 возеҳан таълим медиҳад, ки тамоми муқарраротӣ Аҳди Қадим рамзҳои воқеияти осмонӣ буданд; ҳамин тариқ, ин ҳаққонияти таълимоти ба рамзҳо такя мекардаро тасдиқ мекунад, агар он, албатта, ба Навишта мухолиф набошад ва беҳад аҷибу ғариб нашавад.

**8,6** Ин оят кӯпрукест байни мавзӯи қудси беҳтар ва муҳокимаи *аҳди беҳтар*.

Аввал муқоиса меояд. Чунон ки хизмати Масеҳ аз хизмати коҳинон дар мартабаи Ҳорун бартар аст, *аҳде* ки Ӯ Миёнарави он аст, аз аҳди пештара бартарӣ дорад.

Сабаб оварда мешавад: ин аҳд беҳтар аст, чунки бар ваъдаҳои беҳтар барқарор гардидааст.

*Хизмати* Масеҳ беандоза беҳтар аст. Ӯ на ҳайвонеро, балки Худро ба қурбонӣ овард. Ӯ нархро на бо хуни нарбузҳо ва нарговҳо, балки бо хуни Худ пардохт. Ӯ на танҳо гуноҳҳоро пӯшонид, балки аз онҳо пок кард. Ӯ ба имондорон виҷдони пок дод, на ин ки ёдраскунии ҳарсоларо оид ба гуноҳ. Ӯ ба мо роҳ кушод, то мо дар дурӣ наистода, ба ҳузури Худо даромада тавонем.

Ӯ ҳамчунин *Миёнарави аҳди беҳтарест.* Чун *Миёнарав,* Ӯ кӯпруке дар партгоҳи ҷудоӣ барпо намуда, дар миёни Худо ва одам истодааст. Гриффит Томас муқоисаи мухтасари аҳдҳоро меорад:

*Ин аҳд «беҳтар» аст, чунки ҳеҷ шарте пеш намегузорад, чунки он на ҷисмонӣ, балки рӯҳонист, на хусусӣ, балки умумист, на муваққатӣ, балки абадист, на миллӣ, балки фардист, на зоҳирӣ, балки ботинист.*[10]

Ӯ *аҳди беҳтар* аст, чунки бар *ваъдаҳои беҳтар* асос ёфтааст. Аҳди шариат баракатро барои итоаткорӣ ваъда карда буд, аммо барои беитоатӣ бо марг таҳдид мекард. Он росткориро талаб мекард, аммо қобилияти ҳосил намудани онро намедод.

Аҳди Нав аҳди файз аст, ки ҳеҷ шартеро ба миён намегузорад. Он росткориро дар ҷое ба ҳисоб медарорад, ки он нест. Он одамонро таълим медиҳад, ки росткорона зиндагӣ кунанд, барои ин ба онҳо қувват медиҳад ва агар ин тавр зиндагӣ кунанд, мукофот медиҳад.

**8,7** *Аҳди якум* комил набуд, яъне дар барпо намудани муносибатҳои идеалӣ дар байни одам ва Худо муваффақият надошт. Аммо он на чун аҳди ниҳоӣ, балки чун омодакунанда ба омадани Масеҳ андешида шуда буд. Истинод ба аҳди *дигар* шаҳодат медиҳад, ки аҳди *якум* тамоман идеалӣ набуд.

**8,8** Аммо мушкилӣ тамоман на дар худи аҳди якум аст: «Шариат муқаддас аст, ҳукми он низ муқаддас, барҳақ ва нек аст» (Рум. 7,12). Мушкилӣ дар халқест, ки он ба вай дода шуда буд; ба шариат барои кор маводи бекора дода шуда буд. Дар ин ҷо оид ба ин гуфта шудааст: *«Зеро ки Худо нуқсон ёфта, ба онҳо мегӯяд ...»* Худованд на аҳдро, балки халқи аҳди Худро сарзаниш мекард. Аҳди якум бар ваъдаи итоат кардани одам асос ёфта буд (Хур. 19,8; 24,7), ва бинобар ин тақдири вай тӯлонӣ набуд. Аҳди Нав аз аввал то охир – баёни он чи мебошад, ки Худо уҳдадор шудааст кунад; қувваи он дар ҳамин аст.

Акнун муаллиф Ирмиё 31,31-34-ро иқтибос меорад, то нишон диҳад, ки дар Навиштаҳои яҳудӣ Худо додани Аҳди навро ваъда дод. Ҳамаи исбот дар атрофи калимаи *«нав»* (нав) сохта мешавад. Агар аҳди кӯҳна кофӣ мебуд, навашро ворид намудан чӣ даркор аст?

Аммо Худо комилан мушаххас ваъда дод, ки *бо хонадони Исроил ва бо хонадони Яҳудо аҳди нав хоҳад баст.* Чунон ки аллакай зикр шуда буд, Аҳди нав пеш аз ҳама на ба Калисо, балки ба халқи *Исроил* муносибат дорад. Он ҳамон вақте пурра иҷро мешавад, ки Масеҳ бозмегардад, то бар халқи тавбакарда ва наҷотёфта подшоҳӣ кунад. Дар айни замон аз баъзе баракатҳои аҳд ҳамаи имондорон ҳаловат мебаранд. Бинобар ин, пиёлаи майро ба шогирдонаш дароз карда, Наҷотдиҳанда гуфт: «Ин коса аҳди нав аст дар хуни Ман; инро, ҳар боре ки менӯшед, ба ёдгории Ман ба ҷо оваред» (1Қур. 11,25).

Ҳендерсон менависад:

*Бинобар ин мо байни тафсири асосӣ барои Исроил ва истифодаи дуюм, рӯҳонӣ барои Калисо имрӯз фарқ мегузорем. Ҳозир бо қувваи Рӯҳулқудс мо аз баракатҳои Аҳди Нав ҳаловат мебарем, ва бо вуҷуди ин, мувофиқи ваъдаҳои Худо, оянда зуҳуроти минбаъдаи аҳдро барои Исроил меоварад.*[11]

**8,9** Худо аниқ ваъда дод, ки Аҳди Нав бо он аҳде монанд намешавад, ки Ӯ бо исроилиён дар рӯзе *баст, ки дасташонро гирифт, то онҳоро аз замини Миср берун оварад.* Фарқи онҳо дар чӣ зоҳир хоҳад шуд? Ӯ инро намегӯяд, аммо ҷавоб, эҳтимол, дар қисми боқимондаи оят дар назар дошта шудааст: *«... чунки онҳо дар аҳди Ман пойдор набуданд, ва Ман аз онҳо рӯ гардондам, мегӯяд Худованд».* Аҳди шариат ба нокомӣ дучор шуд, чунки шартҳо ба миён мегузошт. Он итоатро аз халқе талаб мекард, ки итоат карда наметавонист. Аҳди Навро аҳди баракати ҳеҷ шарте ба миён намегузошта

карда, Худо ҳар имконияти нокомии онро истисно намуд, чунки иҷрои аҳд танҳо ба Худи Ӯ вобаста аст; Худо нокомиҳоро намедонад.

Иқтибос аз Ирмиё ба тағйироти куллӣ дучор шуд. Дар матни ибронии Ирмиё 31,32 гуфта шудааст: «... гарчанде ки Ман хоҷаи онҳо будам». Дар баъзе тарҷумаҳои қадимии Ирмиё навишта шудааст: «ва Ман онҳоро сарфи назар кардам (аз онҳо рӯ гардондам)». Рӯҳулқудс, ки ба Ирмиё барои ин суханон илҳом бахшида буд ва бе осеб нигоҳ дошта шудани Навиштаи Муқаддасро назорат мекард, муаллифи Нома ба Ибриёнро ба интихоб намудани ин матни алтернативӣ равона кард.

**8,10** Ба калимаҳои *«мебандам, мегузорам, менависам, мешавам, мешаванд»* диққат диҳед. Аҳди Қадим оид ба он мегӯяд, ки одам бояд чӣ кунад. Аҳди Нав оид ба он мегӯяд, ки Худо чӣ кор хоҳад кард. *Баъд* аз он ки рӯзҳои беитоатии Исроил мегузаранд, Ӯ *қонунҳои Худро дар фикри онҳо* чунон *мегузорад,* ки онҳоро донанд, ва *дар дилҳои онҳо,* то ки онҳоро дӯст доранд. Онҳо на аз тарси ҷазо, балки аз боиси муҳаббат ба Ӯ итоат кардан хоҳанд хост. Қонунҳо на дар сангҳо, балки дар лавҳҳои ҷисмии дил навишта хоҳанд шуд.

*Ва Худои онҳо мешавам, ва онҳо қавми Ман мешаванд.* Ин аз наздикӣ дарак медиҳад. Аҳди Қадим ба одам мефармуд, ки дуртар истад, файз ба вай мегӯяд, ки наздиктар биёяд. Ин аз муносибатҳои ҷудоинопазир ва бехатарии қатъӣ шаҳодат медиҳад. Ҳеҷ чиз ҳеҷ гоҳ ин бандҳои бо нархи хун харидашударо гусаста наметавонад.

**8,11** Ба Аҳди Нав шинохтани ҳамагонии Худованд низ дохил карда шудааст. Ҳангоми ҳукмронии пурҷалоли Масеҳ ба *касе* лозим намеояд, *ки ёри худро ва бародари худро таълим* дода гӯяд: *Худовандро бишинос.* Дар ҳар кас, *аз хурд то калон,* дарки Худо хоҳад зист: «... замин аз шинохтани Худованд пур мешавад, монанди он ки бахр пур аз обҳост» (Иш. 11,9).

**8,12** Ва аз ҳама хуб он аст, ки Аҳди Нав ба ҳамаи одамони гунаҳкор марҳаматро ва абадан фаромӯш кардани *гуноҳҳои онҳоро* ваъда медиҳад. Шариат бераҳм ва қатъӣ буд: «Барои ҳар ҷиноят ва беитоатӣ подоши одилона дода шуда бошад» (Ибр. 2,2).

Ба ғайр аз ин, шариат гуноҳро бартараф карда наметавонист. Он имконият медод, то гуноҳҳо кафорат карда шаванд, аммо имкони аз онҳо пок шуданро намедод (калимаи ибронӣ барои «кафорат» аз феъли «пӯшондан» пайдо шудааст). Тақдими қурбониҳо, ки шариат муқаррар намуда буд, одамро ба таври маросимӣ пок мекарданд, яъне имкон медоданд дар ҳаёти динии миллат иштирок кунад. Аммо ин покии маросимӣ танҳо рӯякӣ буд; он ба ҳаёти дохилии инсон дахл намекард. Он ба одам на покии ахлоқӣ медод ва на виҷдони пок.

**8,13** Он факт, ки Худо *аҳди навро* ҷорӣ мекунад, маънои онро дорад, ки аҳди *якум кӯҳна шудааст.* Агар чунин бошад, пас ҳоҷати фикр ҳам нест, ки ба шариат баргардем. Ва маҳз ҳамин дар назди баъзе аз касоне ки худро масеҳӣ меномиданд, озмоише буд. Муаллиф онҳоро огоҳӣ медиҳад, ки аҳди шариат аллакай кӯҳна шудааст, ба халқ аҳди беҳтар пешкаш шудааст. Онҳо бояд мақсадҳои худро бо нақшаҳои Худо мувофиқ мекарданд.

## В. Бартарии қурбонии Масеҳ аз қурбониҳои Аҳди Қадим (9,1–10,18)

**9,1** Дар Ибриён 8,3 муаллиф зимнан он фактро зикр намуд, ки ҳар саркоҳин бояд чизе дошта бошад, ки онро бахри қурбонӣ пешкаш карда тавонад. Акнун бошад вай ба таҳлили қурбонии Саркоҳини бузурги мо мегузарад ва онҳо бо қурбониҳои Аҳди Қадим муқоиса мекунад. Чун муқаддима ба ин мавзуъ вай мухтасар оид ба сохти хаймаи ҷомеъ ва қоидаҳои парастиш нақл мекунад.

**9,2** *Хаймаи* ҷомеъ иншооте чун чодар буд, ва Худо дар он дар байни исроилиён сокин буд – аз замоне ки онҳо дар назди Кӯҳи Сино қароргоҳ доштанд ва то сохта шудани парастишгоҳ. Ҳудуди атрофи хайма саҳни берунӣ номида мешуд. Он бо девори иборат аз ғулачӯбҳои дар байнашон газвори катон кашидашуда ҷудо карда шуда буд. Ба ҳавлии хайма ба воситаи дарвозаи шарқӣ даромада, исроилӣ ба қурбонгоҳи сӯхтанӣ меомад, ки он ҷо ҳайвоноти қурбониро кушта, месӯзонданд, сипас ба ҷои шустушӯй – зарфи калони мисини пур аз об, ки он ҷо коҳинон дастону пойҳои худро мешустанд.

Хайма тахминан 15 метр дарозӣ, 5 метр бар ва 5 метр баландӣ дошт. Дар он ду қисм

буд. Якум – қудс, ки дарозияш 10 метр буд, дуюм – қудси қудсҳо, ки дарозияш 5 метр буд.

Худи хайма иборат аз қафасаи чӯбине бо болопӯшҳои аз пашми буз ва пӯсти ҳайвонҳо пӯшондашуда буд, ки аз боду борон ҳимоят мекарданд. Ин болопӯшҳо сақф ва деворҳои қафо ва паҳлӯи хаймаро ташкил медоданд. Даромадгоҳро пардаи гулдӯзӣ мепӯшонд. Дар қудс ин чизҳо буданд:

1. *Миз* бо *нони тақдим,* ки дар он дувоздаҳ нон чун рамзи дувоздаҳ сибти Исроил гузошта шуда буданд. Ин нонҳо «нонҳои ҳузур» номида мешуданд, чунки дар пеши рӯй ё ҳузури Худо гузошта мешуданд.
2. *Чароғдони* тилло бо ҳафт навдаи ба боло нигаронида, ки бар онҳо нӯкчаҳо буданд.
3. Бухурдони тиллоӣ, ки дар он пагоҳӣ ва бегоҳӣ бухури муқаддас сӯзонда мешуд.

**9,3** *Дар паси пардаи* дуюм *«қудси қудсҳо»* воқеъ буд. Дар ин ҷо Худо ҳузури Худро бо абри дурахшанда нишон медод. Дар рӯи замин ин ҷо ягона ҷое буд, ки кас бо хуни кафорат ба Худо наздик шуда метавонист.

**9,4** Дар қисми дуюми хаймаи ибтидоӣ *сандуқи аҳд* – қуттии калони чӯбине буд, ки *ҳама ҷояш тиллокӯб шуда буд.* Дар дохили сандуқ *зарфи тиллоие пур аз манн, асои шукуфтаи Ҳорун ва* ду *тахтасанги* шариат буд. (Дертар, ҳангоме ки парастишгоҳ бунёд карда шуд, дар сандуқ ба ғайр аз тахтасангҳои шариат чизе набуд; ниг. 1Подш. 8,9.)

Ояти 4 мегӯяд, ки дар қудси қудсҳо *бухурдони тиллоӣ* низ буд. Калимаи юноние ки «бухурдон»[12] тарҷума шудааст, метавонад маънои қурбонгоҳ барои сӯзондани бухурро дошта бошад (мувофиқи Хуруҷ 30,6 он дар қудс буд), ё *бухурдон,* ки саркоҳин дар он бухурро аз ҷое ба ҷое мебурд. Дар ҳолати додашуда дуюмаш бештар имконпазир аст. Муаллиф *бухурдонро* аз ҷумлаи асбобҳои қудси қудсҳо меҳисобид, чунки саркоҳин онро дар Рӯзи мусолиҳа аз қурбонгоҳи бухур, ки дар қудс буд, ба қудси қудсҳо мебурд.

**9,5** Сарпӯши тиллоии сандуқ чун *кафоратгоҳ* маълум буд. Дар он ду ҳайкали тиллоии маъруф чун *каррубиён* буданд. Онҳо рӯ ба рӯ бо болҳои кушода, бо сарҳои бар сарпӯши сандуқ хамшуда меистоданд

Муаллиф тасвири мухтасари худро бо ҳамин анҷом медиҳад. Мақсади вай на шарҳи ҷузъиёт, балки тасвири умумии асбобу анҷоми хайма ва ёдрас кардани рамзҳои дар онҳо будаи наздикшавӣ ба Худост.

**9,6** Қурбонии Масеҳро бо қурбонӣ овардандҳои яҳудият муқоиса карданӣ шуда, муаллиф пеш аз ҳама бояд он қурбониҳоеро тасвир кунад, ки шариат талаб мекард. Онҳо хеле бисёр буданд, аммо аз ҳамаи онҳо вай муҳимтаринашонро интихоб намуд, ки дар Рӯзи бузурги мусолиҳа оварда мешуданд (Иб. 16). Муаллиф дар ин мубоҳиса танҳо дар он ҳолат ғолиб омада метавонист, ки бартарӣ доштани кори Масеҳро аз кори саркоҳин дар ин рӯзи аҳамиятноки тақвими исроилиён исбот кунад.

Коҳинон ба қисми якуми хайма ба қудс даромада метавонистанд. Онҳо доимо ба он ҷо даромада, вазифаҳои маросимии худро ба ҷо меоварданд. Ба он ҷо даромадани одамони одӣ манъ буд; онҳо мебоист дар берун мемонданд.

**9,7** Ба қудси қудсҳо танҳо як кас даромада метавонист – *саркоҳини* Исроил. Ва ин одам, ягона аз байни тамоми халқ, ягона аз байни тамоми сибт, ягона аз оила, дар як сол як бор ба он ҷо даромада метавонист – дар Рӯзи мусолиҳа. Ҳангоми даромадан вай бояд ҳамроҳаш зарфи *хунро* мебурд, *ки онро барои худаш ва барои хатокориҳои қавм тақдим мекард.*

**9,8** Бо ин амал ҳақиқатҳои амиқи рӯҳонӣ вобаста буданд. Рӯҳулқудс таълим медод, ки гуноҳ одамро аз Худо дур бурдааст, ва одам бояд танҳо ба воситаи миёнарав ба Худо наздик шавад, ва миёнарав бояд танҳо ба воситаи хуни қурбонӣ ба Худо наздик шавад. Ин тасдиқи аёнии он буд, ки барои парастишкунандагон *роҳ* ба ҳузури Худо *ҳанӯз ошкор нашудааст.*

**9,9** Ин ҳолат то вақте давом мекард, ки *хаймаи якум** системаи хайма *тимсоли замони ҳозира* буд. Он рамзи чизи беҳтаре буд, ки ҳоло меояд, ва чун тимсоли нокомили кори комили Масеҳ хизмат мекард.

*Ҳадияҳо ва қурбониҳо* ҳеҷ гоҳ наметавонистанд *виҷдони* парастишкунандагонро *осуда гардонанд.* Агар онҳо омурзиши пурраи гуноҳҳоро таъмин мекарданд, пас инсофи *тақдимкунанда* аз айби гуноҳ озод мебуд. Вале ин рӯй надод.

---

* Дар баъзе тарҷумаҳо чунин навишта шудааст: *қисми якуми хайма.*

**9,10** Дар асл қурбониовариҳо аз рӯи низоми левизодагон *фақат* мушкилоти нопокшавии маросимиро ҳал карданд. Онҳо фақат ба чунин чизҳои сатҳӣ, чун *хӯрданӣ* ва *нӯшидании* пок ва нопок, *таҳорати* маросимӣ муносибат доштанд, ки одамонро аз нопокии маросимӣ пок мекарданд, аммо ба мушкилоти нопокшавии маънавӣ ҳеҷ дахл намекарданд.

Қурбониовариҳо ба халқе дахл доштанд, ки бо Худо дар муносибатҳои аҳд буд. Онҳо барои он дода шуда буданд, то халқро дар ҳолати покии маросимӣ, ки барои ибодат даркор буд, нигоҳ доранд. Аммо онҳо ба наҷот ё покшавӣ аз гуноҳҳо муносибате надоштанд. Наҷотро ба одамон имони онҳо ба Худованд дар асоси кори Масеҳ, ки мебоист ҳанӯз баъдтар амалӣ мегашт, медод.

Ва охируламр, ин қурбониовариҳо муваққатӣ буданд. Онҳо *то замониислоҳ муқаррар шуда* буданд. Онҳо ба омадани Масеҳ ва ба қурбонии комили Ӯ ишорат мекарданд. Давраи масеҳият – ҳамон *замони ислоҳ* аст, ки ин ҷо сухан дар бораи он меравад.

**9,11** *Масеҳ ҳамчун Саркоҳини некиҳои оянда*[13], ё «баракатҳои ақлнорас» пайдо шуд, ки Ӯ онҳоро ба ҳамаи онҳое ки Ӯро қабул мекунанд, медиҳад.

Қудси Ӯ *хаймаи бузургтар ва комилтар* аст. Он *бо дасти одам сохта нашудааст* ба он маъное ки аз маводи сохтмонии ин ҷаҳон сохта нашудааст. Он қудси осмонӣ, ҷои сукунати Худост.

*Ӯ на дар парастишгоҳе хизмат мекунад,*
*Ки дастони одамон сохтаанд.*
*Ӯ дар худи осмонҳо хизматгузорӣ мекунад,*
*Коҳинии осмонӣ аз они Ӯст:*
*Сояҳои шариат дар Ӯ иҷро гашта,*
*Ҷовидона ғоиб шудаанд.*

Томас Келлӣ

**9,12** Худованди мо фақат *як бор ба макони муқаддас дохил шуд*. Амали *халос карданро* дар Ҷолҷолто ба анҷом расонда, Ӯ боло рафт ва ба ҳузури Худо даромад. Мо бояд барои ин суханон беист шодӣ кунем: *як бор,* барои ҳамеша. Кор ба анҷом расонда шуд. Ҳамд ба Худованд!

Ӯ на хуни нарговҳо ва нарбузҳоро, балки *Хуни* Худро ба қурбонӣ овард. Хуни ҳайвонот гуноҳро шуста наметавонист, он фақат дар он чи ба вайронкунии техникии маросими динӣ дахл дорад, қувват дошт. Арзиши хуни Масеҳ бошад беинтиҳост, қувваи он барои шустани ҳамаи гуноҳҳои ҳамаи одамоне ки пеш зистаанд, ҳозир зиндагӣ мекунанд ва дар оянда хоҳанд зист, мерасад. Албатта, ин қувва танҳо барои онҳое таъсирбахш аст, ки ба назди Ӯ бо имон омадаанд. Аммо имкониятҳои поккунии он номаҳдуд аст.

Ӯ бо қурбонии Худ *халосии абадӣ пайдо кард*. Коҳиноне ки пеш аз Ӯ буданд, бояд халосиро ҳар сол ба даст меоварданд. Ин ҷо ҳақиқатан фарқи азиме ҳаст.

**9,13** Барои нишон додани фарқи байни қурбониоварии Масеҳ ва маросимҳои шариат муаллиф ба маросим бо *модагови* сурх рӯ меорад. Мувофиқи шариат, исроилие ки ба ҷасади мурда даст задааст, ба муддати ҳафт рӯз маросиман нопок мешуд. Барои пок шудан *хокистари модаговро* бо оби чашма омехта, дар рӯзҳои сеюм ва ҳафтум ба шахси нопокшуда пошидан лозим буд. Он гоҳ вай пок мешуд.

Мэнтл мегӯяд:

*Хокистар ҷойи ғуншавии ҳамаи хусусиятҳои муҳими қурбонии гуноҳ ҳисобида мешуд, ва ҳамеша бо сарфи ками меҳнат ва бе ҳеҷ гуна исрофи вақт ба ин тадбир рӯ овардан мумкин буд. Як модагови сурх барои якчанд аср кофӣ буд. Мегӯянд, ки дар давоми тамоми таърихи Исроил ҳамагӣ шаш модагови сурх даркор шуданд, чунки ҳатто миқдори ками хокистар барои он кофӣ буд, то ба оби тозаи чашма қувваи поккунанда бахшад (Ад. 19,17).*[14]

**9,14** Агар хокистари модагов барои пок кардани яке аз ҷиддитарин шаклҳои нопокшавии берунӣ қувват дошта бошад, пас *Хуни Масеҳ* барои *пок кардани* бадтарин гуноҳҳои дохилӣ то чӣ андоза қуввати бештаре дорад!

Қурбонии Ӯ *ба воситаи Рӯҳи абадӣ тақдим* шуда буд. Илоҳиётшиносон дар тафсири маънои ин суханон ихтилофи ақида доранд. Бисёриҳо онро чун «ба воситаи ягон рӯҳи абадӣ» тафсир мекунанд, ки ба рӯҳи ихтиёрии қурбониоварии Ӯ далолат мекунад, бар хилофи рӯҳи маҷбурият дар қурбон кардани ҳайвонот. Дигарон чунин фикр мекунанд, ки маънои он чунин аст: «ба воситаи рӯҳи абадии Худ». Аммо мо чунин ақида дорем, ки ин ҷо сухан дар бораи Рӯҳулқудс меравад; Масеҳ дар қувваи *Рӯҳулқудс* қурбонӣ овард.

Ин қурбонӣ ба *Худо* оварда шуда буд. Масеҳ Барраи беайб, бегуноҳи Худо буд, ки комилии маънавияш ба Ӯ ҳуқуқ медод, то

гуноҳҳои моро ба Худ гирад. Талаб карда мешуд, ки ҳайвонҳои қурбонӣ бе ягон нуқсони ҷисмонӣ бошанд; Ӯ бошад ахлоқан бенуқсон буд.

Хуни Ӯ *виҷдонро аз амалҳои беҷон* пок мекунад, *то ки Худои зиндаро ибодат намоем.* Ин фақат покшавии ҷисмонӣ ё маросимӣ нест, балки навшавии ахлоқиест, ки виҷдонро пок мекунад. Он аз ҳамаи корҳои беҷоне пок мекунад, ки беимонон барои сазовор шудан ба покшавии худ мустақилона кӯшиш карда, ба ҷо меоранд. Он одамонро аз корҳои беҷон барои хизмат ба *Худои* зинда озод мекунад.

**9,15** Дар оятҳои гузашта бартарии хуни Аҳди Нав бар хуни Аҳди Қадим таъкид карда мешуд. Ин ба хулосае меорад, ки дар ояти 15 тасвия карда шудааст: Масеҳ *Миёнарави аҳди нав аст.* Вуст мефаҳмонад:

*Калимаи «миёнарав» тарҷумаи истилоҳи «мезитес» буда, касеро ифода мекунад, ки байни ду тараф меистад, то ки сулҳ ё дӯстиро барқарор кунад, муоҳида бандад ё аҳдро ба тасвиб расонад. Масеҳ дар байни Худои муқаддас ва одами гуноҳкор чун миёнарав, ё шафеъ амал мекунад. Бо марги Худ дар салиб Ӯ монеаро (гуноҳро), ки одамро аз Худо дур месозад, бартараф мекунад. Ҳангоме ки гуноҳкор қурбонии Масеҳро қабул мекунад, бори айбдорӣ ва ҷазо барои гуноҳ нопадид мешавад, бандҳои гуноҳ дар ҳаёти ӯ канда шудаанд, вай табиати илоҳиро қабул мекунад ва дурӣ байни вай ва Худо, ки аз вазъияти мавҷуда ва мувофиқи ҳукми шариат бармеояд, аз байн меравад.*[15]

Акнун ҳамаи даъватшудагон *мероси абадии* ваъдашударо гирифта метавонанд. Ба шарофати кори Масеҳ ҳам муқаддасони Аҳди Қадим ва ҳам Аҳди Нав наҷоти *абадӣ* ва озодии *абадӣ* ба даст меоваранд.

Ба имондорони давраи пеш аз масеҳият факти мурдани Масеҳ ҳуқуқ ба меросро медиҳад. *Марги* Ӯ аз *хатоҳое* ки онҳо тахти шариат содир намудаанд, халос мекунад.

Ба як маъное Худо одамони Аҳди Қадимро ба «кредит» наҷот дод. Онҳо, ба монанди мо, ба воситаи имон наҷот ёфта буданд. Аммо он вақт Масеҳ ҳанӯз намурда буд. Худо чӣ гуна онҳоро наҷот дода метавонист? Ӯ онҳоро дар асоси он наҷот дод, ки кори дар оянда мекардаи Масеҳро медонист. Онҳо оид ба он чи Масеҳ дар Ҷолҷолто хоҳад кард, ҳеҷ чизро ё қариб ҳеҷ чизро намедонистанд. Аммо Худо медонист, ва ҳангоме онҳо ба он ваҳйе ки Ӯ оид ба Худ дод, бовар карданд, Ӯ тамоми аҳамияти кори Масеҳро ба ҳисоби онҳо даровард.

Гуфтан мумкин аст, ки дар давоми давраи Аҳди Қадим қарзи бузурги ҷиноятҳо ҷамъ шуд. Масеҳ бо марги Худ имондорони Аҳди Қадимро аз ин *ҷиноятҳо* халос намуд.

Воситае ки Худо онҳоро ба шарофати қурбонии ояндаи Масеҳ наҷот дод, «пурсабрӣ ба гуноҳҳо» ном гирифтааст. Он дар Румиён 3,25.26 тасвир ёфтааст.

**9,16** Мероси дар ояти 15 зикршуда ба муаллиф ёдрас мекунад, ки пеш аз тасдиқ шудани ирода ва *васияти* охирин бояд далеле пешкаш карда шавад, ки *васияткунанда* ҳақиқатан мурдааст. Одатан шаҳодатнома оид ба марг кофист.

**9,17** Васияткунанда васиятро чандин сол пеш навишта, онро дар сейф нигоҳ дошта метавонист, аммо он танҳо пас аз марги вай амал хоҳад кард. То даме ки вай зинда аст, моликияти вай дар байни шахсони дар васият зикршуда тақсим карда намешавад.

**9,18** Акнун суханронӣ аз васияти одам ба *аҳди якум,* ки Худо ба воситаи Мусо баста буд, мегузарад. Ин ҷо низ бояд марг ҷой дошта бошад. Бинобар ин аҳд бо рехтани *хун* тасдиқ карда шуд.

Дар замони қадим ҳама гуна аҳд баъди марги ҳайвони қурбонӣ ба ҳукми қонун медаромад. Хун гарави иҷрои ҳамаи шартҳои аҳд буд.

**9,19** Ба Исроил қонунҳоро хонда, *Мусо хуни гӯсолаҳо ва нарбузҳоро бо об ва пашми қирмизӣ ва зуфо гирифта, ҳам бар худи китоб пошид, ҳам бар тамоми қавм.* Ин маросим аҳдро ба таври тантанавӣ тасдиқ намуд.

Дар Хуруҷ 24,1-11 мехонем, ки Мусо хунро гирифта, бар қурбонгоҳ ва *бар қавм пошид;* пошида шудани хун бар *китоб, об, пашми қирмизӣ, зуфо* зикр намешаванд. Ин ду тасвирро чун пурракунандаи якдигар аз назар гузаронидан беҳтар аст.

Худо, ки ба воситаи қурбонгоҳ ҳузур дошт, ва *қавм* тарафҳое буданд, ки аҳд мебастанд. *Китоб* аҳд буд. *Хун* ҳар ду тарафро уҳдадор мекард, ки шартҳои аҳдро иҷро кунанд. Одамон ваъда доданд, ки итоат мекунанд. Худо ваъда дод, ки онҳоро барои ин баракат медиҳад.

**9,20** Хунро пошида, Мусо гуфт: *«Ин аст хуни аҳде ки Худо ба шумо фармудааст»*. Одамон бо ҳамин ҳаёти худро дар ҳолати вайрон кардани шариат ба гарав мемонданд.

**9,21** Ҳамчунин ба ҳамин тариқ Мусо *бар хайма ва тамоми ашёе* ки барои парастиши Худо истифода мешуд, *хун пошид*. Дар Аҳди Қадим ин расму русум нест. Ҳангоми тасвири поккунии хайма дар Хуруҷ 40 низ хун зикр намешавад. Аммо бо вуҷуди он маънои рамзии ҳамаи ин фаҳмост. Ҳама чизе ки одами гуноҳолуд даст мерасонад, нопок аст, ва бояд пок карда шавад.

**9,22** *Қариб* ҳама чизе ки таҳти *шариат* буд, *ба воситаи хун* пок карда *мешуд*. Аммо истисноҳо низ буданд. Масалан, ҳангоме ки касе аз саршумории писарони Исроил мегузашт, метавонист ба ҷои хуни қурбонӣ ним сиқл «пули фидия»-ро диҳад (Хур. 30,11-16). Пул рамзи фидияи ҷони вай буд, ки ба вай имкон медод ба халқи Худо мансуб దониста шавад. оид ба истиснои дигар дар Ибодат 5,11 гуфта мешавад, ки он ҷо мушкилоти шаклҳои муайяни нопокии маросимӣ ба воситаи қурбонӣ овардани орди гандум ҳал шуда метавонист.

Ин истисноҳо ба кафорат, ё пӯшондани гуноҳ дахл доштанд, агарчи моҳиятан, ҳатто барои кафорат рехтани хун талаб карда мешуд. Агар сухан оид ба *бахшоиши* гуноҳҳо равад, ин ҷо ҳеҷ гуна истисно нест: бояд *хун* рехта шавад.

**9,23** Дар оятҳои боқимондаи боби 9 ду аҳд муқоиса карда мешаванд.

Пеш аз ҳама, хаймаи заминӣ мебоист бо хуни нарговҳо ва нарбузҳо пок карда мешуд. Чунон ки зикр шуда буд, ин поккунии маросимӣ буд. Ин тақдиси рамзии қудси рамзӣ буд.

Қудси *осмонӣ* воқеият буд, заминӣ – танҳо нусхаи он. Аз ин сабаб он мебоист бо *қурбониҳои хубтар*, яъне бо *қурбониҳои* Масеҳ пок карда мешуд. Истифодаи шакли ҷамъ барои ифодаи як қурбонии Масеҳ – тарзи тасвири бадеист, ки чун «шакли ҷамъи азамат» маълум аст.

Шояд ҳайратовар тобад, ки қудси осмонӣ ба пок шудан эҳтиёҷ дорад. Тафсири ин, шояд, дар Айюб 15,15 ҳаст: «... осмон дар назараш пок нест». Бешубҳа, ин аз он сабаб аст, ки шайтон гуноҳи аввалинро маҳз дар осмон содир намуд (Иш. 14,12-14), ва аз боиси он ки вай то ҳанӯз ба ҳузури Худо чун туҳматгари бародарон даромада метавонад (Ваҳй 12,10).

**9,24** Масеҳ на ба қудси бо дастони одамон сохташуда, ки нусха, ё тимсоли макони муқаддаси ҳақиқист, балки ба худи осмон даромадааст. Дар он ҷо Ӯ ҳоло барои мо назди Худо ҳозир мешавад.

Фаҳмидан имкон надорад, ки чӣ гуна касе метавонад аслро тарк карда, ба нусха баргардад; чӣ гуна касе Саркоҳини бузургро, ки дар қудси осмонӣ хизматгузорӣ мекунад, тарк карда, ба коҳинони Исроил баргардад, ки дар хаймаи рамзӣ хизматгузорӣ мекунанд.

**9,25** Худованд Исо қурбониҳои бисёркарата намеоваpд, чунон ки *саркоҳин* дар мартабаи Ҳорун мекард. Вай ба қудси қудсҳо дар як сол танҳо як бор медаромад – дар Рӯзи мусолиҳа ва на бо хуни худ, балки бо *хуни* ҳайвоноти қурбонӣ.

**9,26** Агар Масеҳ *борҳо* қурбонӣ мекард, пас ҳамчунин мебоист *борҳо* азоб мекашид, чунки ин қурбонӣ ҳаёти Худи Ӯ буд. Ба худ тасаввур кардан имкон надорад, ки Ӯ доимо – *аз вақти бунёдшавии ҷаҳон* давра ба давра бояд аз азобҳои Ҷолҷолто гузарад! Ва бе ҳеҷ гуна зарурат ба он!

Ба Аҳди Нав инҳо хосанд:

1. Анҷомёфта будан. *Ӯ як бор* ва барои ҳамеша *зоҳир шуд*. Кори Ӯ ба такрор эҳтиёҷ надорад.
2. Муносиб будани замон – Ӯ дар охири замонҳо зоҳир шуд, яъне баъди он ки Аҳди Қадим заифӣ ва нотавонии одамро ошкор намуд.
3. Комил будани кор – Ӯ барои *нест кардани гуноҳ* зоҳир шуд. Ин ҷо зада ба феъли *«нест кардан»* гузошта шудааст. Кафорати ҳарсола маънои худро гум кард. Онро бахшоиши абадӣ иваз намуд.
4. Худро қурбонӣ кардан – гуноҳро Ӯ *бо қурбонии Худ* нест кард. Ӯ дар бадани Худ ҷазои сазовори моро қабул кард.

*Зери борони ҳақоратҳо шармандагиамро ба дӯш гирифт.*
*Ӯ ба ҷои ман маҳкум карда шуд.*
*Ӯ бо хуни худ омурзиши маро тасдиқ намуд.*
*Ҳалелуё! Чӣ Наҷотдиҳандаи бузург!*

Филипп П. Блисс

**9,27** Таассуроте ҳосил мешавад, ки дар оятҳои 27 ва 28 Аҳди Нав боз ба Аҳди Қадим муқобил гузошта мешавад. Мувофиқи шариат

*одамонро насиб гардидааст, ки як бор муранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд.* Шариат ба одамоне дода шудааст, ки аллакай гуноҳкор буданд ва онро ба пуррагӣ риоя карда наметавонистанд. Ҳамин тариқ, он воситаи маҳкум кардани ҳамаи онҳое гардид, ки тахти он буданд.

**9,28** Дар асоси Аҳди Нав қурбонии беинтиҳои *Масеҳ* аст: *Ӯ Худро барои бардоштани гуноҳҳои бисёр касон қурбонӣ намуд.* Сипас оид ба умеди муборакии бозомадани наздики Ӯ гуфта мешавад: *бори дуюм Ӯ барои наҷоти онҳое ки Ӯро интизор доранд, зоҳир мешавад.* Аммо Ӯ на барои он бармегардад, ки масъалаи *гуноҳро* ҳал кунад: Ин корро Ӯ дар салиб ба анҷом расонд. Ӯ барои он меояд, ки халқи Худро ба хона, ба осмон барад. Ин нуқтаи авҷи *наҷоти* онҳо хоҳад буд; онҳо баданҳои ҷалолёфта гирифта, ҳамеша барои гуноҳ дастнорас хоҳанд буд.

Ибораи *«онҳое ки Ӯро интизор доранд»* тамоми масеҳиёни ҳақиқиро тасвир мекунад.

Ҳамаи онҳое ки ба Худованд тааллуқ доранд, бесаброна бозгашти Ӯро интизор ҳастанд, агарчи оид ба пайдарҳамии ҳодисаҳо ҳангоми бозгаштани Ӯ ихтилофи ақида дошта метавонанд.

Навиштаи Муқаддас дар ҳеҷ ҷой таълим намедиҳад, ки дар лаҳзаи ба осмон бурда шудан фақат як гурӯҳи масеҳиёни махсусан рӯҳонӣ гирифта мешаванд. Он ба осмон гирифта мешудагонро «онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд», ва «мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем» мегӯяд (1Тас. 4,16.17); ин ҷо ҳамаи имондорон дар назар дошта шудаанд – мурдаҳо ва зиндаҳо. Дар 1Қуринтиён 15,23 гуфта шудааст, ки ба осмон бурда мешудагон онҳое мебошанд, ки аз они Масеҳанд.

Борҳо ишорат шуда буд, ки дар оятҳои 24-28 се зоҳиршавии Масеҳ зикр мешаванд. Онҳоро чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

Ояти 26: Ӯ зоҳир *шуд.* Ин ба омадани якуми Ӯ дахл дорад, ҳангоме Ӯ баҳри он омад, ки моро аз ҷазо барои гуноҳ наҷот диҳад (замони гузаштаи наҷот).

Ояти 24: Ӯ ҳозир зоҳир *мешавад.* Ин ҷо хизмати ҳозираи Ӯ дар ҳузури Худо дар назар дошта шудааст, ки мақсади он – аз ҳукми гуноҳ озод кардани мост (замони ҳозираи наҷот).

Ояти 28: Ӯ зоҳир *хоҳад шуд.* Ин ҷо оид ба бозгашти наздики Ӯ гуфта мешавад, ҳангоме ки Ӯ моро аз ҳузури гуноҳ наҷот медиҳад (замони ояндаи наҷот).

**10,1** Шариат фақат *сояи некиҳои оянда* буд. Он ба Шахсият ва кори Масеҳ ишорат мекард, аммо ҳақиқатро бо худ иваз карда наметавонист. Шариатро аз Масеҳ афзал донистан баробар ба он аст, ки касе суратро аз худи одами тасвирёфта афзал донад. Ин таҳқири рӯйрости азамати Ӯст!

Оиди нотавонии низоми шариат он факт шаҳодат медиҳад, ки қурбониоварихо бояд доимо такрор мешуданд. Ин такрор ошкор менамуд, ки онҳо талаботи Худои қуддусро тамоман қонеъ карда наметавонистанд. Ба ифодаҳое диққат диҳед, ки барои тасвири ин такрори беохир истифода мешаванд: *айни ҳамон қурбониҳое ки ҳамеша, сол ба сол тақдим карда мешаванд.*

Қурбониҳо мутлақо *наметавонистанд* парастишкунандагонро *комил гардонанд,* яъне дар он чи ба гуноҳ дахл дорад, ба онҳо виҷдони пок диҳанд. Ба исроилиён дарки он ки онҳо барои ҳамеша аз айби гуноҳ пок карда шудаанд, маълум набуд. Онҳо чӣ будани виҷдони покро намедонистанд.

**10,2** Агар қурбониҳо онҳоро пурра ва қатъиян аз гуноҳ озод мекарданд, оё онҳо ҳар сол ба хайма ва ё парастишгоҳ роҳ паймуданро *хотима намедоданд?* Такрори доимии қурбониоварихо бар қурбониҳо тамғаи бетаъсириро мегузошт. Одамеро, ки барои давом додани ҳаёт бояд ҳар соат дору хӯрад, сиҳатшуда номидан аз эҳтимол дур аст.

**10,3** Ба ҷои осуда кардани виҷдон, системаи левизодагон онро бо як зарбаи дарднок ҳар сол бедор мекард. Дар паси маросими зебои Рӯзи мусолиҳа ёдраскунии ҳарсола ниҳон буд, ки гуноҳҳо нобуд карда нашудаанд, балки фақат пӯшонда шудаанд.

**10,4** *Хуни говҳо ва бузҳо* қудрате надошт, ки *гуноҳро нест кунад.* Чунон ки гуфта шуда буд, ин қурбониҳо танҳо масъалаи гуноҳҳои маросимиро ҳал мекарданд. Онҳо покшавии муайяни маросимиро медоданд, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ барои табиати фосидшудаи одам ё корҳои бади вай кафорате шуда наметавонистанд.

**10,5** Ба нотавониҳои қурбониҳои левизодагон азамати қурбонии Масеҳ муқобил гузошта мешавад. Чун муқаддима ба мо имкон дода шудааст, то суханронии Наҷотдиҳандаро дар лаҳзаи таҷассуми Ӯ шунавем. Забур 39-ро

иқтибос оварда, Ӯ оид ба қонеъ набудани Худо аз қурбониҳо ва ҳадияҳои Аҳди Қадим мегӯяд. Худо худаш ин қурбониҳоро таъсис намуд, аммо бо вуҷуди ин, онҳо мақсади ниҳоии Ӯ набуданд. Онҳо на барои нест кардани гуноҳ, балки барои ишорат намудан ба Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро ба Худ хоҳад гирифт, муқаррар шуда буданд. Оё Худо дар дарёҳои хуни ҳайвонот ва ё теппаҳои ҷасадҳои онҳо қаноатмандӣ пайдо карда метавонист?

Сабаби дигари норозигии Худо дар боварии одамон буд, ки мувофиқи ақидаашон, гӯё онҳо бо риояи маросимҳо ба Худо писанд меоянд, агарчи дар дилҳояшон гуноҳ ва фасод ҳукмфармо буд. Бисёрии онҳо дар қурбониовариҳо бе тавба ва пушаймонӣ иштирок мекарданд. Онҳо гумон мекарданд, ки ҳайвонотро ба Худо қурбонӣ карда, Ӯро осуда карда метавонанд, дар ҳоле ки Ӯ хоҳони қурбонии дили шикаста буд. Онҳо намефаҳмиданд, ки барои Худо тимсолҳо чизи асосӣ нестанд!

Худо аз қурбониҳои пештара қонеъ нашуда, барои Писари Худ *бадани* одамӣ *муҳайё намуд,* ки қисми ҷудоинопазири ҳаёт ва табиати одамии Ӯ буд. Ин, албатта, оид ба мӯъҷизаи ақлнораси таҷассум мегӯяд, ҳангоме ки Каломи абадӣ ҷисм гардид, то ки чун Одам, барои одамон бимирад.

Шавқовар аст, ки дар суханони *«бадане барои Ман муҳайё намудӣ»*, ки аз Забур 39,7 гирифта шудаанд, боз ду тобиши маъно ҳаст. Дар Забур навишта шудааст: «Ту гӯшҳои маро воз кардӣ», ва ё варианти дигар: «Ту гӯшҳои маро шикофтӣ». Гӯши кушода, албатта, ишорат мекунад, ки Масеҳ ҳамеша тайёр буд нишондодҳои Худоро фавран гӯш карда, ба онҳо итоат кунад. Гӯши шикофта ба ғуломи яҳудӣ ишорат карда метавонад (Хур. 21,1-6), ки гӯшаш чун рамзи он ки вай худро бо соҳибаш ҷовидона бо муоҳида вобаста мекард, бо дарафш шикофта мешуд. Наҷотдиҳанда дар таҷассуми Худ, моҳиятан, гуфт: «Ман Соҳиби Худро дӯст медорам ... Ман ба озодӣ намеравам».

**10,6** Иқтибос намудани Забур 39-ро давом дода, Масеҳ такрор кард, ки *қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои гуноҳ барои* Худо *писандида* нест. Ҳайвонот бидуни хоҳиши худ қурбонӣ мешуданд, хуни онҳо покшавиро дода наметавонист. Ва низ қурбониҳо ҳеҷ гоҳ мақсади ниҳоии Худо набуданд. Ин рамзҳо ва сояҳое мебошанд, ки интизори омадани Масеҳ буданд. Худ аз худ онҳо ҳеҷ арзише надоштанд.

**10,7** Он чи ба Худо ҳақиқатан писанд меояд, омодагии *ба ҷо овардани хости* Худост, новобаста ба он ки ин бо чӣ қимате ба даст хоҳад омад. Масеҳ Худро қурбонӣ намуда, омодагии ба ҷо овардани хости Худоро исбот намуд. Ин суханонро ба забон оварда, Худованд ёдрас намуд, ки аз аввал то охири Аҳди Қадим ҳама чиз аз он шаҳодат медод, ки Ӯ бо хурсандӣ ва аз таҳти дил *хости* Худоро ба ҷо меовард.

**10,8** Дар оятҳои 8-10 муаллиф маънои рӯҳонии ин суханрониро баён мекунад. Вай онро чун ба истеъфо рафтани системаи кӯҳнаи қурбониоварӣ ва ба ҳукми қонун даромадани як қурбонии комил, пурра ва ниҳоии Исои Масеҳ аз назар мегузаронад.

Вай боз як бор дар шакли мухтасар иқтибосро аз Забур 39 такрор мекунад, то таъкид намояд, ки қурбониҳое *ки мувофиқи шариат тақдим карда мешаванд, барои* Худо *писандида набуданд.*

**10,9** Муаллиф ба он факт аҳамияти махсус медиҳад, ки дарҳол баъди эълони аз кӯҳна қонеъ набудани Худо Масеҳ қадаме ба пеш мегузорад, ва тайёр аст он чиро, ки писандидаи Падари Ӯст, бикунад.

Хулоса: Ӯ *якумро бекор мекунад, то ки дуюмро барқарор намояд,* яъне системаи кӯҳнаи қурбониҳоро, ки шариат талаб мекард, бартараф карда, қурбонии бузурги Худро барои гуноҳ ҷорӣ мекунад. Аҳди шариат ба паси парда рафт, ба саҳна Аҳди Нав баромад.

**10,10** Аз рӯи хости Худо, ки Исо ба он беқайду шарт итоаткор буд, мо ба воситаи қурбонии якбораи бадани Исои Масеҳ муқаддас шудаем.

Ҷорҷ Ландис менависад:

*Ин тақдиси вазъияти мост, ки оид ба он дар тамоми Нома ба Ибриён сухан меравад, ба истиснои 12,14, ва он на ба гурӯҳчаи масеҳиёни «хеле рӯҳонӣ», балки ба ҳамаи масеҳиён дахл дорад (1Қур. 6,11). Он мувофиқи хости Худо ва қурбонии Масеҳ анҷом дода шудааст. Мо аз тарафи Худо, ба Худо ва барои Худо аз ин ҷаҳон ҷудо карда шудаем. Инро бо меҳнати тадриҷии Рӯҳи Худо дар имондор ба воситаи каломи Худо омехта кардан лозим нест (Юҳ. 17,17-19; 1Тас. 5,23).*[16]

**10,11** Акнун хизматгузории *ҳар* гуна *коҳин* дар мартабаи Ҳорун бо хизмати Масеҳ

муқоиса карда мешавад. Аввалӣ *ҳар рӯз дар* ичрои вазифаҳои худ меистод. Дар хайма ва парастишгоҳ ягон курсӣ набуд. Коҳин ҳеҷ гоҳ оромӣ ёфта наметавонист, меҳнати вай ҳеҷ гоҳ тамом намешуд. Вай *ҳамон қурбониҳоро борҳо тақдим менамуд.* Ин расму қоидаи беохире буд, ки ба гуноҳ таъсире намерасонд, виҷдонро сабук намекард.

Ин қурбониҳо *ҳаргиз наметавонистанд гуноҳҳоро аз байн баранд.* «Агарчи Ҳорун, – менависад А. Б. Брюс, – дар системаи левизодагон шахси амалкунандаи муҳим буд, дар асл вай кори вазнин ва якрангро иҷро карда, маросимҳоеро ба ҷо меовард, ки аз онҳо фоида хеле кам буд».[17]

**10,12** Худованди муборaки мо якто ва ягона *қурбониро барои гуноҳҳо* тақдим намуд. Дигаре ҳеҷ гоҳ даркор намешавад!

*Дигар на хун ҳаст, на қурбонгоҳ –*
*Қурбонӣ аллакай оварда шудааст!*
*На оташ ҳаст, на дуд,*
*Дигар хуни барраҳо намерезад.*
*Охир, хуни гаронбаҳотар аз он рехт,*
*Аз рагҳои наҷибтар;*
*Доғҳои даҳшатноктаринро шуст,*
*Ва ҷонро аз гуноҳ пок сохт.*

Ҳорасий Бонар

Кори наҷотро ба анҷом расонда, Ӯ *барои ҳамеша аз дасти рости Худо нишаст.* Вобаста ба ҷои вергул ин оятро чунин хондан мумкин аст: Ӯ «як қурбониро барои гуноҳҳо барои ҳамеша тақдим намуд» ё: Ӯ «барои ҳамеша бинишаст». Ҳар ду вариант дурустанд, аммо мо майл ба он дорем, ки ба ҳар ҳол тафсири дуюмро қабул кунем. Ӯ *барои ҳамеша нишаст,* чунки талаботи бениҳоят бузурги гуноҳ барои ҳамеша қонеъ кунонда шуданд. Ӯ *аз дасти рости Худо нишаст,* ба ҷое ки оид ба шараф, қудрат ва нуфуз дарак медиҳад.

Касе метавонад гӯяд, ки Ӯ барои ҳамеша нишаста наметавонад, чунки замоне баҳри доварӣ бармехезад. Аммо ин ҷо ҳеҷ ихтилофе нест. Дар он чи ба тақдими қурбониҳо дахл дорад, Ӯ барои ҳамеша нишаст. Дар он чи ба доварӣ дахл дорад, Ӯ барои ҳамеша нанишастааст.

**10,13** Ӯ интизор аст *то даме ки душманонаш пойандози Ӯ шаванд,* интизори он рӯз аст, ки дар назди Ӯ ҳар зону ҳам мешавад ва ҳар забон Ӯро Худованд дар ҷалоли Падар эътироф мекунад (Фил. 2,10. 11).

**10,14** Арзиши аз ҳама бартари *қурбонии Ӯ* дар он аён аст, ки *Ӯ муқаддасшавандагонро барои ҳамеша комил гардондааст. Муқаддасшавандагон* ин ҷо ҳамаи онҳое мебошанд, ки аз ҷаҳон барои Худо ҷудо карда шудаанд, яъне имондорони ҳақиқӣ. *Комил гардондани* онҳо ду ҷиҳат дорад. Аввалан, онҳо дар он чи ба мавқеашон дар назди Худо дахл дорад, комил шуданд; онҳо дар назди Падар бо тамоми писандидагии Писари дӯстдоштаи Ӯ истодаанд. Сониян, онҳо виҷдони комилро дар он чи ба айб ва ҷазо барои гуноҳ дахл дорад, ба даст овардаанд; онҳо медонанд, ки нарх пурра пардохта шудааст, ва Худо бори дуюм пардохтани нархро талаб намекунад.

**10,15** *Рӯҳулқудс* ҳамчунин *шаҳодат медиҳад,* ки дар Аҳди Нав мушкилоти гуноҳ як бор ва барои ҳамеша ҳал карда мешавад. Ӯ оид ба ин ба воситаи Навиштаҳои Аҳди Қадим *шаҳодат медиҳад.*

**10,16** Дар Ирмиё 31,31 Худованд ваъда медиҳад, ки бо халқи заминии интихобкардааш *Аҳди Нав* мебандад.

**10,17** Дертар, дар худи ҳамон ҷумла Ӯ илова мекунад: *«Гуноҳҳо ва бадиҳои онҳоро ба ёд нахоҳам овард».* Ҳайратовар аст, ки дар Ирмиё 31,34 ин ваъдаи бахшоиши пурра ва ниҳоии гуноҳҳо навишта шудааст; аммо бо вуҷуди ин, баъзе касоне ки ҳангоми сар шудани иҷрошавии ин ваъда мезистанд, ба қурбониовариҳои беохири яҳудият бозгаштанӣ буданд.

**10,18** Ваъдаи бахшоиш дар Аҳди Нав маънои онро дорад, ки *қурбонӣ барои гуноҳ дигар даркор нест.* Муаллиф бо суханони *«қурбонӣ барои онҳо (гуноҳҳо) дигар лозим нест»* фаслеро ба анҷом медиҳад, ки таълимӣ номидан мумкин аст. Вай мехоҳад, ки ҳангоме вай дар назди мо вазифаҳои амалии моро кушода доданӣ мешавад, ин суханон дар ақл ва дили мо садо диҳанд.

## III. ОГОҲКУНӢ ВА НАСИҲАТҲО (10,19–13,17)

### А. Огоҳкунӣ дар хусуси нафрат накардан аз Масеҳ (10,19-39)

**10,19** Дар замонҳои Аҳди Қадим халқ бояд дар масофае аз қудс мезист, акнун, дар Масеҳ, мо *ба воситаи Хуне* ки дар салиб рехт, ба он

наздик шудем. Бинобар ин моро ба даромадан даъват мекунанд.

Ин насиҳат дар назар дорад, ки акнун ҳамаи масеҳиён коҳинон шуданд, чунки моро даъват мекунанд *ҷуръат* дошта бошем *ба макони муқаддас ба воситаи Хуни Исои Масеҳ дохил шавем.* Дар вақти яҳудият ба қудс (макони муқаддас) ва қудси қудсҳо даромадани мардуми одӣ манъ буд; ба ҳуҷраи якум танҳо коҳинон даромада метавонистанд, ба дуюм – танҳо саркоҳин. Ҳозир ҳама чиз дигар хел шуд. Худо акнун ҷои махсусе надорад, ки дар он фақат гурӯҳи махсуси одамон ба Ӯ наздик омада тавонанд. Ба ҷои ин ҳамаи имондорон дар ҳар вақт бо имон ба ҳузури Ӯ даромада метавонанд.

*Худо даъват мекунад, ки бо роҳи нав ва зинда*
*Ба паси парда, ба қудси қудсҳо дароям;*
*Ман набояд дигар биларзам,*
*– Метавонам бо ҷуръат қадам гузорам.*
*Дар он ҷо, дар ҳузури Офаридгор*
*Ки тамоми оламро офаридааст,*
*Назди сандуқ дар қудси қудсҳо,*
*Дар Масеҳ ҳуқуқи истоданро дорам.*

(Муаллифи номаълум)

Мо ба назди Ӯ *бо роҳи нав ва зинда* меоем. *«Нав»* дар ин ҷо, аз афташ, маънои «навакак сохташуда»-ро дорад. *«Зинда»,* ба ақидаи мо, ба Масеҳ дар растохез, ба Наҷотдиҳандаи *зинда* ишорат мекунад.

**10,20** Ӯ ба мо ин роҳро *ба воситаи парда, яъне ҷисми Худ* кушод. Аз ин бармеояд, ки *пардаи* байни ду қисми хайма тимсоли ҷисми Худованди мо буд. Барои он ки ба ҳузури Худо роҳ дошта бошем, бояд парда медарид, яъне ҷисми Ӯ мебоист дар марг мешикаст. Ин ба мо ёдрас мекунад, ки мо ба ҳузури Худо на ба шарофати ҳаёти бегуноҳи Масеҳ, балки ба шарофати марги ивазкунандаи Ӯ наздик шуда метавонем. Мо фақат ба воситаи ҷароҳатҳои марговари Барра даромада метавонем. Ҳар гоҳе ки дар дуо ва парастиш ба ҳузури Худо медароем, бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки барои ин имтиёз нархи азиме пардохта шудааст.

**10,21** Мо на танҳо бо боварӣ ба ҳузури Худо даромада метавонем; мо *Коҳини бузурге бар хонаи Худо* низ дорем. Агарчи мо коҳинонем (1Пет. 2,9; Ваҳй 1,6), бо вуҷуди ин ба мо низ Коҳин даркор аст. Масеҳ *Саркоҳини* бузурги мост, ва хизматгузории ӯ дар замони ҳозира гарави он аст, ки Худо моро ҳамеша хуш қабул мекунад.

**10,22** *Наздик оем.* Ин имтиёзи бо нархи хун харидашудаи ҳар як масеҳӣ аст. Тасвир кардан ғайримкон аст, ки ин чӣ хел муъҷизаосо мебошад – пайдо кардани ҳуқуқи воҳӯрӣ, аммо на бо шахсони машҳури ин ҷаҳон, балки бо Подшоҳи олам! То чӣ андоза бароямон арзишнок будани ин даъват аз аксуламаламон ба он аён аст.

Ин ҷо чор нишонаи симои рӯҳонии масеҳие оварда мешавад, ки ба толори тахти Худо медарояд:

1. *Бо дили соф.* Халқи Исроил ба Худо бо лабҳои худ наздик мешуданд ва Ӯро бо забон эҳтиром мекарданд, аммо дили онҳо аксаран аз Ӯ дур буд (Мат. 15,8). Аммо мо бояд ба ҳузури Ӯ бо дили соф биёем.
2. *Бо имони комил.* Мо ба ваъдаҳои Худо бо имони амиқ наздик мешавем ва боварии қавӣ дорем, ки хуш пазируфта мешавем.
3. *Дилҳои худро бо пошидан аз виҷдони бад пок намуда.* Танҳо аз олами боло зода шудан инро карда метавонад. Ҳангоме ки мо худро ба ихтиёри Масеҳ месупорем, тамоми арзиши хуни Ӯ ба ҳисоби мо даровард мешавад. Ба маънои маҷозӣ мо онро ба дилҳои худ мепошем, чунон ки исроилиён хуни барраи Песаҳро ба дарҳои худ мемолиданд. Ин моро аз *виҷдони* бадкор раҳоӣ медиҳад. Мо метавонем шаҳодат диҳем:

   *Виҷдон дигар моро маҳкум намекунад:*
   *Охир хуни гаронбаҳои Ӯ*
   *Моро шуста, пок мекунад.*
   *Дар назари Худо мо чун барф сафед ҳастем.*

   Френсис Бивен
4. *Ҷисми худро дар оби пок шуста.* Ин ҷо боз забони маҷозӣ вомехӯрад. *Бадани худ* зиндагии моро ифода мекунад. *Оби пок* гуфта, ин ҷо ё Калом (Эфс. 5,25.26), ё Рӯҳулқудс (Юҳ. 7,37-39) дар назар дошта шудааст, ки Каломро барои аз нопокшавии ҳаррӯза пок кардани ҳаёти мо ба кор мебарад. Бо марги Масеҳ мо як бор ва барои ҳамеша аз айби бузурги гуноҳ халос шудаем. Рӯҳ бошад ба воситаи Калом аз нопокшавӣ бо гуноҳ ҳамеша пок мекунад (ниг. Юҳ. 13,10).

Ҳамин тариқ, чор сифатеро, ки барои ба ҳузури Худо даромадан заруранд, мо метавонем мухтасар чун дили соф, боварӣ, наҷот ва покшавӣ тасвир кунем.

**10,23** Насиҳати дуюм – *эътирофи умедро собитқадамона нигоҳ дорем.* Ҳеҷ чиз набояд моро аз *эътирофи* бетағйир дур кунад, ки *умеди* ягонаи мо Масеҳ аст.

*Ваъдадиҳанда бовафо аст.* Ин огоҳкуниест барои онҳое ки дар наздашон васвасаи ба хотири манфиатҳои ҳозираи дидашавандаи яҳудият аз баракатҳои диданашудаи масеҳии оянда даст кашидан истода буд. Каломи Ӯ дуруст аст, касе ки ба Ӯ боварӣ мекунад, ҳеҷ гоҳ ноумед намешавад. Наҷотдиҳанда мувофиқи ваъдааш меояд, ва халқаш бо Ӯ хоҳад буд ва ҷовидона ба Ӯ шабеҳ хоҳад буд.

**10,24** Мо ҳамчунин бояд ҳамеша имкониятеро ҷустуҷӯ кунем, то масеҳиёни дигарро ба зоҳир намудани *муҳаббат* ва *корҳои нек* рағбатнок кунем. Дар Аҳди Нав муҳаббат эҳсосот нест, балки рафторест, ки бо қувваи ирода амалӣ мегардад. Муҳаббат ба мо амр карда шудааст, бинобар ин мо метавонем ва бояд ин корро бикунем. *Муҳаббат* реша аст, *корҳои нек* – самар. Мо бояд бо намуна ва бо таълими худ дигар масеҳиёнро рағбатнок кунем, то ҳамин гуна тарзи зиндагӣ дошта бошанд.

*Дили пур аз муҳаббат чун боғҳост,*
*Кӯҳост решаҳои афкори пурмуҳаббат,*
*Гулҳои суханони пурмуҳаббат мешукуфанд*
*Ва самари амалҳои муҳаббатро меоранд.*

**10,25** Ҳамчунин мо бояд якҷоя ҷамъ шуданро давом диҳем, мо бояд *ҷамъомади* маҳаллии *худро тарк накунем,* чунон ки *баъзе касон* мекунанд. Ин суханонро чун насиҳати умумӣ барои ҳамаи масеҳиён ҳисобидан мумкин аст, то ба калисо мунтазам оянд. Бе ҳеҷ шубҳа, парастишҳои умумӣ ва хизматгузориҳо ба мо қувват, тасалло ва ғизои маънавӣ медиҳанд.

Аммо ҳамчунин ин оятро чун дилбардорӣ барои масеҳиёне ки дар давраи таъқибот зиндагӣ мекунанд, баҳо додан мумкин аст. Дар ин давраҳо васвасаи аз ҳама дурӣ ҷустан ва шогирди пинҳонӣ шудан барои аз ҳабс, беобрӯӣ ва азобҳо барканор будан хеле калон аст.

Моҳиятан ин оят аз муртадӣ огоҳӣ медиҳад. Ҷамоати маҳаллиро тарк кардан – ин ҷо маънои аз масеҳият рӯ тофтан ва ба яҳудият баргаштанро дорад. Дар замонҳои навишта шудани мактуб ин борҳо воқеъ шуда буд. Якдигарро насиҳат додан лозим буд, хусусан аз боиси наздик будани бозомадани Масеҳ. Вақте ки Ӯ меояд, ҳама мебинанд, ки масеҳиёни таъқибшаванда, нафратзада дар ҷониби Ғолиб истодаанд. Аммо то он дам барои онҳо устуворӣ ва пурсабрӣ даркор аст.

**10,26** Ин ҷо муаллиф огоҳонидани чоруми ҷиддии худро баён мекунад. Чун дар ҳолатҳои пештара, ин огоҳонидан бар зидди гуноҳи муртадӣ равона карда шудааст, ки ин ҷо *дидаву дониста гуноҳ кардан* номида шудааст.

Чунон ки аллакай зикр шуда буд, дар байни масеҳиён оид ба табиати ин *гуноҳ* ихтилофи зиёди ақидаҳо ҳукмфармост. Моҳияти онҳоро мухтасар дар саволе ифода кардан мумкин аст, ки ин ҷо кӣ дар назар дошта шудааст:

1. Масеҳиёни ҳақиқӣ, ки Худоро дидаву дониста тарк мекунанд ва аз ин сабаб ба ҳалокат мераванд?
2. Масеҳиёни ҳақиқӣ, ки аз роҳи ҳақиқӣ дур мешаванд, аммо, бо вуҷуди ин, наҷот ёфтаанд?
3. Онҳое ки як муддат дар хусуси ба масеҳият тааллуқ доштанашон изҳор мекунанд, ба калисо меоянд, аммо баъд дидаву дониста аз Масеҳ рӯ мегардонанд? Онҳо ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буданд, ва акнун ҳеҷ гоҳ наҷот нахоҳанд ёфт.

Новобаста ба он ки кадом ақидаро тарафдорӣ мекунем, мо бо душвориҳои муайян рӯ ба рӯ мешавем. Шахсан мо чунин меҳисобем, ки нуқтаи назари сеюм дуруст аст, чунки он бештар аз дигарон ба таълимоти умумии Нома ба Ибриён ва тамоми Аҳди Нав мувофиқат мекунад.

Ин ҷо, дар ояти 26, оид ба муртадӣ чун оид ба дидаву дониста гуноҳ кардан *пас аз пайдо кардани дониши ростӣ* гуфта мешавад. Ин Яҳудоро, шахсеро, ки Хушхабарро шунида буд, хотиррасон мекунад. Вай оид ба роҳи наҷот ҳама чизро медонист; вай ҳатто вонамуд мекард, ки онро қабул кардааст, аммо баъд онро бошуурона рад кард.

Барои ин гуна одам *дигар қурбоние барои кафорати гуноҳ намемонад.* Вай бо қатъият ва ба таври ниҳоӣ қурбонии Масеҳро рад кард. Худо роҳи дигари наҷотро надорад, то онро ба вай пешниҳод кунад.

Ба маънои муайян ҳар гуноҳ қасдан содир мешавад, аммо ин ҷо муаллиф оид ба

муртадӣ чун оид ба гуноҳи барқасд ва ниҳоят ҷиддӣ мегӯяд.

Дар ин ҷо ҷонишини «мо»-ро истифода бурдани муаллиф ҳанӯз маънои онро надорад, ки вай худро низ ба он қатор дохил мекунад. Дар ояти 39 вай бо тамоми аниқӣ худро аз онҳое ки ба сӯи ҳалокат рафта истодаанд, ҷудо мекунад.

**10,27** Вақте ки ҳеҷ умеде ба раҳоӣ нест, аз *интизории пурдаҳшати доварӣ* дигар чизе намемонад. Муртадро бо тавба нав кардан имкон надорад (6,4). Вай ихтиёран ва комилан бошуурона худро аз файзи Худо дар Масеҳ ҷудо кард. Барои вай *шиддати оташе ки душманони Худоро ба коми худ мекашад,* тайёр карда шудааст. Баҳс кардан бефоида аст, ки ин оташи ҳақиқист ё рамзи чизе. Калимаҳо ин ҷо бо мақсади офаридани тимсоли ҷазои ба таври даҳшатовар сахт интихоб шудаанд.

Диққат диҳед, ки Худо муртадонро ба қатори *душманони* Худ дохил мекунад. Ин на аз бетарафӣ, балки аз душманона будани мавқеи онҳо нисбати Масеҳ дарак медиҳад.

**10,28** Ба сифати замина барои тақдири боз ҳам даҳшатовартари муртад тақдири даҳшатовари вайронкунандаи шариат дар Аҳди Қадим оварда мешавад. Касе ки *шариати Мусоро* вайрон мекард ва ба сӯи бутпарастӣ майл мекард, агар гуноҳаш бо шаҳодатҳои *ду ё се шоҳид* исбот карда шавад, бе марҳамат *кушта мешуд* (Так. Шар. 17,2-6).

**10,29** Муртад сазовори *ҷазои* боз ҳам *сахттар* ҳисобида мешавад, чунки дорои имтиёзҳои зиёд буд. Тамоми даҳшати гуноҳи вай дар се айбдоркуние тасвир шудааст, ки бар зидди вай пешкаш шудаанд:

1. *Вай Писари Худоро поймол мекунад.* Замоне худро пайрави Исо эълон карда, акнун вай беҳаёёна изҳор мекунад, ки бо Ӯ ҳеҷ чизи умумӣ доштан намехоҳад. Вай инкор мекунад, ки ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ дорад, ва Худованд будани Ӯро рад мекунад.
   Дар Япония салибе ҳаст, ки ҳукумат дар замони таъқибот бар масеҳиён онро истифода мебурд. Ин салибро, ки муҷассамаи Исои маслубшударо дошт, ба замин мемонданд, ва ҳар кас мебоист ба рӯи Маслубшуда пой мемонд. Ғайримасеҳиён инро бе ҳеҷ дудилагӣ мекарданд, масеҳиёни ҳақиқӣ рад мекарданд ва мемурданд. Мегӯянд, ки рӯи Исо аз бисёрии пойҳое ки онро поймол карда буданд, хӯрда шуда, пур аз ифлосӣ гашта буд.
2. Вай *Хуни аҳдро, ки аз он муқаддас шудааст, ҳаром мешуморад. Хуни* Масеҳро, ки Аҳди Навро тасдиқ карда буд, бефоида ва номуқаддас меҳисобад. Бо ин *Хун* ба вай бисёр имтиёзҳои берунӣ дода шуда буданд. Ба шарофати муошират бо масеҳиён вай ҳамон тавре муқаддас шуда буд, ки шавҳари беимони занаш масеҳӣ муқаддас шудааст (1Қур. 7,14). Аммо ин маънои онро надорад, ки вай наҷот ёфта буд.
3. Вай *Рӯҳи файзро таҳқир менамояд.* Рӯҳи Худо ба вай фаҳмиши Хушхабарро дод, дар гуноҳ фош кард, ба Масеҳ чун ба ягона паноҳгоҳе барои ҷони вай ишорат намуд. Аммо вай Рӯҳи раҳмдилро бо нафрати пурраи худ нисбати Ӯ ва наҷоти пешниҳодкардааш *таҳқир намуд.*

**10,30** Дидаву дониста рад кардани Писари Худо гуноҳи бениҳоят азим аст. Худо ҳамаи касони дар ин айбдорро сахт ҷазо хоҳад дод. Ӯ гуфт: *«Қасос аз они Ман аст, Ман сазо медиҳам»* (ниг. Так. Шар. 32,35). *Қасос* ин ҷо маънои адолати пурраро дорад. Ҳангоме ки ин калима нисбати Худо ба кор бурда мешавад, дар он нишоне аз интиқомгирӣ ё баробаркунии ҳисобҳо нест. Ин фақат подоши сазовор аст. Хислати Худоро дониста, мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки вай ҳама корро мувофиқи гуфтааш мекунад, ва ба муртад мувофиқи адолат сазо медиҳад.

*Ва боз: «Худованд қавми Худро доварӣ мекунад».* Худованд барои онҳое ки ҳақиқатан ба Ӯ тааллуқ доранд, қасос мегирад ва подош медиҳад. Аммо ин ҷо, дар ояти 30, сухан, бешубҳа, дар бораи доварӣ бар исёнкорон меравад.

Агар ин ҷо *қавми Ӯ* номида шудани муртадон барои касе мушкилӣ ба миён орад, пас ба ёд овардан лозим аст, ки онҳо мувофиқи ҳаққи офариниш ба Ӯ тааллуқ доранд, ва худи онҳо низ як муддат инро изҳор мекарданд. Агарчи Ӯ Наҷотдиҳандаи онҳо нест, Офаридгори онҳост, ва замоне онҳо мегуфтанд, ки ба Ӯ тааллуқ доранд, агарчи шахсан Ӯро нашинохтанд.

**10,31** Дарси ибрат ба ҳама барои ҳамаи замонҳо: дар қатори онҳое набошед, ки барои доварӣ *ба дасти Худо* меафтанд, чунки ин *даҳшатангез аст!*

Ин суханони Навиштаҳо тамоман на барои он навишта шудаанд, ки ба ақли онҳое ки ҳақиқатан ба Масеҳ тааллуқ доранд, дарҳамбарҳамӣ ва ноором̄ӣ ворид созанд. Онҳо қасдан бо ин услуби сахт ва ба тарви беамон ошкоро навишта шудаанд, то ҳамаи эътирофкунандагони номи Масеҳро аз натиҷаҳои даҳшатовари аз Ӯ рӯй гардондан огоҳ кунад.

**10,32** Дар оятҳои боқимондаи боб муаллиф се сабаби асоснокро номбар мекунад, ки чаро масеҳиёни яҳудии аввалин бояд дар садоқаташон ба Масеҳ устувор бошанд.

1. Ба ин онҳоро бояд он чи *пештар* аз сар гузарондаанд, водор созад.
2. Наздик будани мукофот бояд ба онҳо қувваи нав диҳад.
3. Тарс аз норозигии Худо бояд онҳоро аз бозгашт ба қафо нигоҳ дорад.

Ҳамин тариқ, пеш аз ҳама, онҳоро он чи аз сар гузаронидаанд, бояд ба садоқат водор кунад. Дар хусуси ба Масеҳ имон доштани худ изҳор намуда, онҳо ба таъқиботи сахт дучор шуданд; оилаҳо аз онҳо даст кашиданд, дӯстон онҳоро тарк карданд, душманон таъқиб карданд. Аммо ба ҷои дар дили онҳо пайдо кардани буздилӣ ва тарс, *азобҳо* онҳоро дар имон қавитар гардонданд. Бешубҳа, онҳо ба андозае аз дарки он ки онҳоро ба хотири номи Масеҳ сазовори беҳурматӣ ҳисобидаанд, хурсанд шудаанд (Аъм. 5,41).

**10,33** Баъзан онҳо ба танҳоӣ азоб мекашиданд, ҳангоме ки ягон кас барои масхара ва таҳқир дар назди омма гузошта мешуд. Дар ҳолатҳои дигар онҳо ҳамроҳи масеҳиёни дигар азоб мекашиданд.

**10,34** Онҳо аз аёдати маҳбусоне ки ба хотири номи Масеҳ азоб мекашиданд, наметарсиданд, агарчи хатари калоне буд, ки чун шариконашон ҷазо хоҳанд дид.

Ҳангоме ки ҳукуматдорон *молҳои* онҳоро мусодира мекарданд, онҳо инро *бо шодӣ қабул мекарданд.* Онҳо садоқат ба Масеҳро аз *молҳои* моддии худ афзал донистанд. Онҳо медонистанд, ки «мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда» доранд (1Пет. 1,4). Чунин муносибат, ки сарвати заминиро ин қадар кам қадр мекард, ҳақиқатан муъҷизаи файзи Худо буд.

**10,35** Муаллиф сабаби дуюми садоқати онҳоро низ баён мекунад: наздик будани *мукофот.* Аз чунин озмоишҳои азим гузашта, онҳо наметавонистанд акнун таслим шаванд. Моҳиятан, муаллиф менависад: «Самарҳои ашкони худро аз даст надиҳед» (Ф. Б. Мейер). Ҳозир онҳо ба иҷро шудани ваъдаи Худо аз ҳар вақти дигар наздиктар буданд. Ақиб гаштан аблаҳӣ мебуд.

Филиппс ин оятро чунин тарҷума кардааст: «Аз умеди худ акнун даст накашед – он бо худ мукофоти бузурге дар олами оянда дорад».

**10,36** Беш аз ҳама ба онҳо *сабр,* ҷасорати тоб овардан ба таъқибот даркор буд, на паноҳ ёфтан аз таъқибот бо нархи рад кардани Масеҳ. Охир, *хости Худоро ба ҷо оварда,* онҳо мукофоти ваъдашударо *мебинанд.*

**10,37** Ин мукофоти оянда дар як вақт бо бозгашти Худованд Исо меояд, бинобар он ин ҷо Ҳабаққуқ 2,3 иқтибос карда мешавад: *«Зеро ки баъд аз андаке он Меомада меояд ва дер намекунад».* Дар Ҳабаққуқ ин оят чунин садо медиҳад: «Зеро ки руъё барои муҳлати муайян аст, ва аз анҷом шаҳодат медиҳад, ва дурӯғ намегӯяд; агар дер кунад, онро мунтазир шав, зеро ки ҳатман ба амал меояд, ва таъхир намекунад».

Винсент оид ба ин дигаргунӣ чунин менависад:

*Дар матни ибронӣ мубтадои ҷумла – руъё дар бораи нобудшавии калдониён аст ... Аммо дар матни Септуагинта мубтадо ё Парвардигор, ё Масеҳ бояд бошад. Илоҳиётшиносони баъдинаи яҳудӣ ин суханонро ба Масеҳ нисбат медоданд, ва муаллифи Нома ҳаминро ба асос гирифтааст.*[18]

А. Ҷ. Поллок тафсир медиҳад:

*Ҳам суханони Аҳди Қадим, ҳам иқтибоси дигаргуншуда дар Аҳди Нав як хел илҳоми илоҳӣ доранд ва ба андозаи баробар ба Навишта дохил мешаванд. «Он» дар Ҳабаққуқ ба руъё дахл дорад ва бо бозгашти Масеҳ барои барпо намудани Подшоҳии худ вобаста аст. Дар Нома ба Ибриён «он» ба «Ӯ» табдил меёбад ва ба гирифта шудан ба осмон дахл дорад.*

Сипас вай оид ба ин мавзуъ якчанд мулоҳизаҳои умумиро баён мекунад:

*Ҳангоме ки ягон муаллиф, таҳти раҳнамоии Рӯҳ, аз Аҳди Қадим иқтибос меоварад, аз тамоми оят танҳо ҳамон қадаре мегирад, ки барои расидан ба мақсадҳои Ақли Илоҳӣ даркор аст, ва дар айни ҳол ҳеҷ гоҳ ба ояти додашуда зиддият пайдо намекунад, аммо аксаран онро дигаргун мекунад, то ки маънои ояти Аҳди Қадимро на айнан баён кунад, балки он*

*чиро, ки Рӯҳулқудс дар Аҳди Нав гуфтанист, васеътар боз карда, пешкаш намояд. Ҳеҷ кас, ба ғайр аз Худо, ҳақ надорад, ки бо Навиштаҳо чунин муносибат кунад. Бисёр вақт ин тавр кардани Ӯ боз як далели илҳоми илоҳӣ доштани Навишта аст. Худо муаллифи Навиштаи Муқаддас аст, ва Ӯ метавонад суханони Худро иқтибос оварад, дигаргун кунад, ва ба онҳо он чиро илова кунад, ки барои расидан ба мақсадҳои Ӯ хизмат мекунад. Агар Навиштаро касе аз мо иқтибос оварад, онро бо аниқии азим кардан лозим аст. Мо ҳақ надорем, ки дар он ҳатто нуқтаеро дигар кунем. Аммо муаллифи Китоб ҳуқуқ дорад ин корро кунад. Ва муҳим нест, ки дар ин маврид Ӯ қалами киро ба кор мебарад: Мусоро ё Ишаъёро, Петрусро ё Павлусро, Матторо ё Юҳанноро – ҳамаи ин эҷоди Ӯст.*[19]

**10,38** Водоркунандаи охирин барои сабри устуворона – тарси норозӣ кардани Худост. Аз Ҳабаққуқ иқтибос оварданро давом дода, муаллиф нишон медиҳад, ки ҳаёти ба Худо писанд меомада – ҳаёти *имон* аст: *росткор*[20] *бо имон зиндагӣ мекунад.* Ин ҳамон ҳаётест, ки ваъдаҳои Худоро баланд қадр мекунад, чизи ноаёнро мебинад, то худи охир устувор меистад.

Баръакс, ҳаёте ки ба Худо писанд нест, – ҳаёти даст кашидан аз Масеҳ ва бозгашт ба қурбониҳои кӯҳнашуда дар парастишгоҳ аст; *ва агар касе рӯй гардонад, ҷони ман аз вай хушнуд намешавад.*

**10,39** Муаллиф ҳамон замон худро ва масеҳиёни дигарро аз онҳое ки *бармегарданд ва ба ҳалокат мерасанд,* ҷудо мекунад. Вай муртадон ва масеҳиёни ҳақиқиро аз ҳам ҷудо мекунад. Баъзеҳо аз имон *бармегарданд* ва ҳалок мешаванд. Масеҳиёни самимӣ *имон доранд,* ва ҳамин тариқ ҷонҳои худро аз ҳалокате ки барои муртадон муқаррар шудааст, нигоҳ медоранд.

Бо ин зикри имон муаллиф барои муҳокимаи муфассалтари ҳаёти мавриди писанди Худо асос мегузорад. Ҳамин тариқ, мо ба боби маълуми ёздаҳум расидем.

### Б. Насиҳат бахри имон дар мисолҳои Аҳди Қадим (Б. 11)

**11,1** Мавзӯи асосии ин боб – фаросат ва устувории *имон* аст. Он ба мо одамонеро аз Аҳди Қадим нишон медиҳад, ки биноии рӯҳонии зиёд доштанд, ва аз беобрӯиҳо ва азобҳои аз ақл берун гузаштанд, аммо аз имон даст накашиданд.

Албатта, дар ояти 1 на тафсири аниқи имон, балки тасвири он чи имон барои мо мекунад, дода шудааст. Ба шарофати имон он *чизҳое ки мо ба онҳо умед мебандем,* ба ҳамон андоза воқеӣ мешаванд, ки гӯё аллакай онҳоро ба даст оварда бошем; он *эътиқоди* қавиеро ба воқеият ва бегумонии баракатҳои рӯҳонии нонамоёни масеҳият тавлид мекунад. Дигар хел карда гӯем, он ояндаро ба ҳозира меорад ва нонамоёнро намоён мекунад.

Имон боварӣ ба он аст, ки ба Худо умед бастан мумкин аст. Ин бовариест, ки ҳамаи гуфтаҳои Худо ҳақиқат аст ва ҳамаи ваъдаҳои Ӯ иҷро мешаванд.

Ба имон асос лозим аст – ягон ваҳйи Худо, ягон хел ваъдаҳои Ӯ. Он тамоман қадаме ба номаълумӣ нест. Он пешниҳод намудани далелҳои раднопазиртарин дар оламро талаб мекунад ва онҳоро дар Каломи Худо меёбад. Он танҳо бо имконпазир маҳдуд намешавад, балки ба олами ғайриимкон зада медарояд. Касе гуфтааст: «Бовар он ҷое сар мешавад, ки чизи имконпазир ба охир мерасад. Агар ин имконпазир бошад, дар он барои ҷалоли Худо ҷое нест».

*Имоне ки қавист, ваъдаи Худоро мебинад*
*ва танҳо ба Ӯ менигарад;*
*Аз шунидани «Ин ғайриимкон аст» табассум мекунад ва мегӯяд: «Иҷро шавад».*
(Муаллифи номаълум)

Дар ҳаёти имон низ душвориҳо ва масъалаҳои ҳалталаб ҳастанд. Худо имони моро аз кӯраи санҷишҳои сахт мегузаронад, то бинад, ки он самимист ё не (1Пет. 1,7). Аммо, чунон ки Ҷорҷ Мюллер гуфтааст: «Душвориҳо хӯроке мебошанд, ки имонро мехӯронанд».

**11,2** Қаҳрамонони Аҳди Қадим на бо дидан, балки бо имон мегаштанд ва бинобар ин таҳсини Худоро ба даст оварданд. Ҳамаи оятҳои баъдинаи боб тасвири он аст, ки Худо чӣ гуна ба онҳо шаҳодат медод.

**11,3** Имон ба мо ҳисоботи ягона ва бо фактҳо асоснок гардидаро оид ба офариниш медиҳад. Худо ягона касе буд, ки дар ин иштирок дошт. Вай ба мо нақл мекунад, ки ин чӣ тавр воқеъ шуд. Мо ба Каломи Ӯ бовар мекунем ва бинобар ин медонем. Маккю зикр

мекунад: «Нуқтаи назар оид ба он ки Худо то пайдоиши материя вуҷуд дошт ва бо сухани Худ онро офарид, аз ҳудуди хулосабарориҳо ё далелҳои аёнӣ берун аст. Он танҳо бо имон қабул карда мешавад».

*Бо имон дарк мекунем.* Ҷаҳон мегӯяд: «Агар бубинам, бовар мекунам» Худо мегӯяд: «Агар бовар кунӣ, мебинӣ». Исо ба Марто гуфт: «Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ, ҷалоли Худоро мебинӣ?» (Юҳ. 11,40). Расул Юҳанно навишта буд: «Ба шумо, ки ... имон доред, инро навиштам, то донед ...» (1Юҳ. 5,13). Дар масъалаҳои рӯҳонӣ имон аз фаҳмиш пештар меояд.

*Оламҳо бо каломи Худо тартиб ёфтаанд.* Худо фармуд, ва материя ба вуҷуд омад. Ин бо кашфиёти илмии одамоне ки «материя моҳиятан энергия аст» мегӯянд, пурра мувофиқат мекунад. Ҳангоме ки Худо гуфт, сухани Ӯ сели энергияро дар шакли мавҷҳои садоӣ ба вуҷуд овард. Онҳо ба материя табдил дода шуданд ва материя ба вуҷуд омад.

*Аз чизҳои нонамоён чизҳои намоён ба вуҷуд омадаанд.* Энергия диданашаванда аст; бо чашмони одӣ атомҳо, молекулаҳо нонамоёнанд; дар якҷоягӣ онҳо намоён мешаванд.

Факти офариниш, чунон ки он дар Нома ба Ибриён 11,3 тасвир ёфтааст, аз тамоми эродҳо болотар аст. Он ҳеҷ гоҳ тасҳеҳ нашуда буд, ва дар оянда низ тасҳеҳ нахоҳад шуд.

**11,4** Одам ва Ҳавво ба рӯйхати фахрии қаҳрамонони имон дохил карда нашудаанд. Ҳангоме Ҳавво мебоист қароре қабул мекард, ки кӣ рост мегӯяд, Худо ё шайтон, вай шайтонро афзал донист. Аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо баъд бо имон, ки рамзи он либос аз пӯсти ҳайвонот буд, наҷот наёфтанд.

Аз афташ, ба *Ҳобил* ошкор шуда буд, ки одами гуноҳкор танҳо дар асоси хуни рехта ба Худо наздик шуда метавонад. Шояд, вай дар ин бора аз волидон шунида буд, ки мушоракати онҳо бо Худо танҳо баъди он барқарор гардид, ки Ӯ аз пӯсти ҳайвонот ба онҳо либос пӯшонд (Ҳас. 3,21). Дар ҳар ҳол вай *имони* худро бо он нишон дод, ки ба назди Худо бо хуни *қурбонӣ* омад. Қурбонии Қобил бошад сабзавот ва меваҳо буданд, яъне ин қурбонӣ хун надошт. Ҳобил мисолест, ки ҳақиқатро оид ба наҷот бо файз ба воситаи имон нишон медиҳад. Қобил рамзи кӯшишҳои беҳудаи одам аст, ки худро бо амалҳои худ наҷот доданӣ мешавад.

Ҷорҷ Каттинг ишорат мекунад, «ки Худо Ҳобилро на аз боиси бартарии шахсии ӯ, балки аз боиси бартарии қурбонии овардааш ва ба он бовари доштанаш росткор ҳисобид». Бо мо низ айнан ҳамин тавр аст: мо на аз боиси хислати худ ё корҳои некамон, балки танҳо ба шарофати қурбонии Масеҳ ва Ӯро қабул карданамон сафед карда шудаем.

Қобил Ҳобилро кушт, чунки шариат файзро бад мебинад. Касе ки худро одил гумон мекунад, ҳақиқатеро бад мебинад, ки худи вай худро наҷот дода наметавонад ва бояд ба муҳаббат ва марҳамати Худо таваккал кунад.

Аммо шаҳодати Ҳобил ҷовидона боқӣ монд: *бо имон ӯ ҳанӯз ҳам сухан меронад.* Ба як маъное имон ба садопардаҳои одам қобилияте медиҳад, ки ҳатто баъди муддати зиёди ба қабр гузошта шудани ҷасадаш амал карда тавонад.

**11,5** *Ҳанӯх,* аз афташ, дар яке аз лаҳзаҳои ҳаёти худ аз Худо ваъдае гирифт, ки вай маргро надида, ба осмон хоҳад рафт. То он дам, дер ё зуд, ҳама мемурданд. Дар ҳеҷ ҷой чизе гуфта нашудааст, ки касе маргро надида, *бурда шуда* бошад. Аммо Худо ваъда дод, ва Ҳанӯх бовар кард. Ин кори оқилонатарине буд, ки Ҳанӯх карда метавонист. Чӣ метавонад наҷибтар аз боварии офарида ба Офаридгори худ бошад?

Ҳама чиз маҳз ҳамин хел ба амал омад! Ҳанӯх сесад сол дар пеши Худои нонамоён роҳ мерафт (Ҳас. 5,21-24) ва баъд ба абадият қадам гузошт. *Зеро пеш аз бурда шуданаш шаҳодат пайдо кард, ки ба Худо писанд омадааст.* Ҳаёти имондорона ҳамеша ба Худо писанд меояд. Ӯ дӯст медорад, вақте ки ба Ӯ бовар мекунанд.

**11,6** *Аммо бе имон ба Худо писанд омадан мумкин нест.* Ҳеҷ миқдори корҳои нек камбудии *имонро* пур карда наметавонанд. Баъди ҳама чизи гуфташуда одам ба Худо бовар карданро нахоста, бо ҳамин Ӯро дурӯғгӯй меҳисобад. «Касе ки ба Худо имон надорад, Ӯро дурӯғгӯ донистааст» (1Юҳ. 5,10).

Одамоне ки Ӯро дурӯғгӯй меноманд, чӣ гуна ба Худо писанд омада метавонанд?

Имон ягона чизест, ки ба Худо имкон медиҳад ҷои сазовори Худро ишғол намояд ва одамро ба ҷояш мегузорад. «Он ба Худо ҷалоли азиме меорад, – менависад Ч. Ҳ. Макинтош, – чунки исбот мекунад, ки мо ба тезии чашмони Ӯ назар ба чашмони худ бештар бовар мекунем».

Имон на танҳо бовар мекунад, ки Худо вуҷуд дорад, балки низ боварӣ дорад, ки Ӯ *ба ҷӯяндагони Худ* мукофот хоҳад дод. Дар Худо чизе нест, то ба он бовар кардани одам ғайриимкон бошад. Ҳамаи гап дар он аст, ки вай инро мехоҳад ё не.

**11,7** Имони *Нӯҳ* дар огоҳонидани Худо асос меёфт, ки Ӯ мехоҳад тамоми ҷаҳонро бо тӯфон нобуд кунад (Ҳас. 6,17). Инсоният дар тамоми таърихи худ ҳанӯз тӯфонро надида буд, зиёда аз ин, асосе ҳаст чунин ҳисобида шавад, ки то он вақт дар замин борон ҳам набуд (Ҳас. 2,5.6). Нӯҳ ба Худо бовар кард ва *киштӣ* сохт, агарчи, шояд, аз дарёҳову кӯлҳои киштигард дур зиндагӣ мекард. Шояд, пиру ҷавон вайро масхара мекарданд. Аммо имони Нӯҳ мукофотонида шуд: оилаи вай наҷот ёфт, *ҷаҳон* бо ҳаёт ва шаҳодати вай *маҳкум* карда шуд, ва вай *вориси росткорие гардид,* ки *дар* асоси *имон* ба даст меояд.

Шояд, бисёр масеҳиёни аввалини яҳудӣ, ки ин нома барояшон навишта шудааст, бисёр вақт ба худ савол медоданд: агар ҳақиқат дар ҷониби онҳо бошад, чаро онҳо ин қадар каманд? Ва Нӯҳ аз саҳифаҳои Аҳди Қадим мефарояд, то ба онҳо ёдрас кунад, ки дар замони вай ҳақ ба ҷониби танҳо ҳашт нафар буд, тамоми ҷаҳони боқимонда бошад ҳалок шуд!

**11,8** Ҳангоме ки боре Худо ба *Иброҳим* зоҳир шуда, фармуд, ки ба ҷои дигар кӯчад, вай дар Ури Калдонӣ мезист ва, шояд, бутпараст буд. Дар итоаткории *имон* вай хона ва кишварро тарк кард, *ва намедонист ба куҷо меравад.* Бешубҳа, дӯстонаш вайро барои ин кораш масхара мекарданд. Аммо Иброҳим чунин меҳисобид:

*Ман бо роҳе меравам,*
*Ки маро сӯи номаълумӣ мебарад,*
*Аммо бо Худо дар торикӣ гаштан беҳтар аст*
*Аз танҳо гаштан дар роҳи равшан;*
*Бо имон ҳамроҳи Ӯ рафтан беҳтар аст*
*Аз якка бо биниши худ рафтан.*

Эллен Аннис Кастерлайн

Барои мушоҳидакунандаи бегона роҳи имон шояд беақлона ва беандеша намояд, аммо касе ки Худоро медонад, тамоми роҳро пешакӣ надонад ҳам, надида, бо хурсандӣ аз пайи Ӯ меравад.

**11,9** Худо ба Иброҳим *замини* Канъонро ваъда дод. Он ҳақиқатан ба вай тааллуқ дошт. Бо вуҷуди ин, ягона чизе ки вай он ҷо соҳиб буд, ғоре буд, ки он ҷо мурдагонро дафн мекарданд. Ба ҷои ҳаёти муқимӣ вай бо ҳаёт *дар хаймаҳо,* яъне рамзи мусофират, қаноатманд буд. Як муддате муносибати вай бо Канъон чунон буд, ки гӯё он кишвари *бегона* бошад.

Дар ин мусофиратҳо писар ва наберааш ба вай ҳамроҳӣ мекарданд. Намунаи росткоронаи вай ба онҳо низ таъсире гузошта буд, бинобар ин *онҳо бо ӯ вориси ҳамон ваъда буданд,* ки замин ба онҳо тааллуқ хоҳад дошт.

**11,10** Пас чаро Иброҳим хонаву ҷои муқимиро сарфи назар мекард? Чунки *ӯ мунтазири шаҳре буд, ки таҳкурсии мустаҳкаме дорад, ва меъмору созандаи он Худост.* Вай на чизи моддии муваққатӣ, балки чизи ҷовидониро бо эҳтирос интизор буд. Дар нусхаи асл пеш аз *шаҳр* ва пеш аз *таҳкурсӣ* артикли муайянӣ ҳаст (он дар забони тоҷикӣ ба ҷонишини ишоратӣ мувофиқат мекунад) – *ин шаҳр, ин таҳкурсӣ.* Имон танҳо як *шаҳреро,* ки сазовори ин ном аст, ягона шаҳреро, ки бар *таҳкурсии* пойдор бино ёфтааст, ба назари эътибор мегирад.

Худо *меъмори* ин шаҳри осмонист. Ва низ Ӯ *созандаи* он аст. Ин шаҳри намунавӣ аст, бе маҳаллаҳои бенавоён, бе ҳавои заҳролуд, бе оби ифлос, бе ҳамаи он мушкилоте ки шаҳрҳои азими мо аз он азоб мекашанд.

**11,11** *Бо имон Соро қувват пайдо кард,* ки дар навадсолагӣ ҳомила шавад. Нақл равшан ишорат мекунад, ки вай аз синни зоидан баромада буд. Аммо вай медонист, ки Худо ваъда додааст ба вай кӯдаке ато намояд ва қавли Худро гардонда гирифта наметавонад. Вай устуворона боварӣ дошт, ки Ӯ ба *ваъдааш* вафо мекунад.

**11,12** Ҳангоме ки Исҳоқ зода шуд, Иброҳим тақрибан 99-сола буд. Аз нуқтаи назари одамӣ вай аллакай падар шуда наметавонист, аммо азбаски Худо ба вай насли сершуморе ваъда карда буд, ин бояд ба амал меомад.

Иброҳим ба воситаи Исҳоқ падари оилаи *бешумор* – халқи яҳудӣ – гардид. Ба воситаи Масеҳ вай падари оилаи рӯҳонии *бешумор* гардид, яъне падари ҳамаи имондорони тамоми асрҳои минбаъда. *Реги лаби баҳр,* шояд, рамзи насли заминии вай аст, дар ҳоле ки *ситораҳои осмон* ифодакунандаи халқи осмонӣ мебошанд.

**11,13** *Ҳамаи* падаркалонҳо *дар имон мурданд.* Дар зиндагии худ онҳо иҷро шудани *ваъдаҳои* Худоро надиданд. Масалан, Иброҳим ҳеҷ гоҳ насли бешумори худро надид. Халқи яҳудӣ ҳеҷ гоҳ тамоми замини ваъдашударо молик набуд. Муқаддасони Аҳди Қадим иҷро шудани ваъдаро оид ба Масеҳ надиданд. Аммо имони онҳо, ба монанди телескоп, ба онҳо имкон медод, ки *ваъдаҳоро* тамоман наздик бинанд, ва аз ин рӯ дар Навиштаҳо чунон тасвир шудаанд, ки наздикшавии ваъдаҳоро хурсандона шодбош мегӯянд.

Онҳо дарк мекарданд, ки ин ҷаҳон маскани ниҳоии онҳо набуд. Онҳо бо ҳаёти *мусофирон* ва *ғарибон,* қаноат карда, даъватҳои дар ин макон бароҳаттар ҷой гирифтанро рад мекарданд. Онҳо мехостанд ягон хусусияти хоси ин ҷаҳонро қабул накарда, аз он гузар кунанд. Онҳо дилҳои сайёҳонро доштанд

**11,14** Бо ҳаёти худ онҳо возеҳ нишон медоданд, ки *дар ҷустуҷӯи ватане ҳастанд. Имон* дар дили онҳо иштиёқи ватанеро ҷойгир карда буд, ки тамоми некӯиҳои Канъон наметавонистанд онро қонеъ намоянд. Дар онҳо майл ба замини дигар, беҳтаре сокин буд, ки онҳо онро хона номида тавонанд.

**11,15** Онҳо дар ҷустуҷӯи ватане ҳастанд гуфта, муаллиф тавзеҳ медиҳад, ки вай ин ҷо тамоман на он заминеро дар назар дорад, ки онҳо зода шудаанд. Агар Иброҳим ба Байнаннаҳрайн баргаштанӣ мебуд, вай инро карда метавонист, аммо он замин аллакай ватани вай набуд.

**11,16** Дар асл онҳо ватани *осмониро* меҷустанд. Ин хеле шоёни диққат аст, агар ба хотир оварем, ки бисёрии ваъдаҳо ба халқи Исроил ба баракатҳои моддӣ дар замин дахл доштанд. Аммо онҳо умеди осмонӣ низ доштанд, ва маҳз ин умед ба онҳо қувват медод, ки ба ин ҷаҳон чун ба кишвари бегона муносибат кунанд.

Ин гуна рӯҳияи ғарибӣ ба Худо махсусан писанд меояд. Дарбӣ менависад: «Ӯ шарм намедорад Худои онҳое номида шавад, ки қисмат ва дилашон дар осмон аст». *Ӯ барои онҳо шаҳре муҳайё кардааст,* ва онҳо дар он осудагӣ, қаноатмандӣ ва осоиши комил пайдо мекунанд.

**11,17** Мо ба санҷиши азими *имони* Иброҳим наздик мешавем. Худо ба вай фармуд, ки писари ягонаи худ *Исҳоқро* ба қурбонӣ оварад. Иброҳим бе дудилагӣ, итоаткорона ба роҳ даромад, то ки гаронбаҳотарин хазинаи дили худро ба Худо қурбонӣ оварад. Наход вай ба он диққат надод, ки ба кадом масъалаи гӯё ҳалнашаванда рӯ ба рӯ шудааст? Худо ба вай ваъда дод, ки барояш насли бешуморе хоҳад дод. Исҳоқ *писари ягонаи* вай буд. Иброҳим аллакай 117-сола буд, Соро бошад 108-сола!

**11,18** Ваъдаи насли бешумор мебоист дар *Исҳоқ* иҷро мегашт. Масъала дар ин буд: агар Иброҳим Исҳоқро мекушт, пас чӣ гуна ин ваъда иҷро шуда метавонист? Исҳоқ он вақт 17-сола буд, ва ӯ оиладор набуд.

**11,19** Иброҳим медонист, ки Худо чӣ ваъда додааст, ҳама чизи дигар муҳим набуд. Вай ба хулосае омад, ки агар Худо аз вай талаб карда бошад, ки писари ягонаашро бикушад, пас ҳамчунин Худо вайро *аз мурдагон бармехезонад,* то ки ваъдаи худро иҷро кунад.

То ин лаҳза ягон воқеаи растохез аз мурдагон ба назар нарасида буд. Ҳанӯз ҳеҷ чизе монанди ин дар таърихи инсоният нашуда буд. Иброҳим ба маънои ҳақиқӣ идеяро оид ба растохез ихтироъ намуд. Имон ба ваъдаи Худо вайро ба хулосае овард, ки ба Худо лозим меояд Исҳоқро зинда кунад.

Ба маънои маҷозӣ ҳақиқатан Исҳоқ ба Иброҳим *аз мурдагон баргардонда шуд.* Вай бо тамоми ҳастии худ ба он ҳақиқат сар фаровард, ки Исҳоқ бояд бимирад. Аммо, чунон ки Грант аниқ зикр намудааст, Худованд «имкон надод, ки дили Иброҳим он дарди сахтеро бичашад, ки дили Худаш хоҳад чашид». Вай қӯчқореро ҳозир кард, ки мебоист ҷои Исҳоқро мегирифт, ва писари ягона ба падар баргардонда шуд.

Пеш аз он ки мо ба ин намунаи барҷастаи имон хайрбод гӯем, бояд ду лаҳзаро зикр намоем. Якум: Худо ҳеҷ гоҳ ният надошт, ки Иброҳим писарашро бикушад. Худо ҳеҷ гоҳ аз халқи Худ қурбониҳои одамӣ талаб накардааст. Ӯ имони Иброҳимро санҷид, ва дид, ки он самимӣ аст, сипас Ӯ амри Худро бекор кард.

Дуюм: имони Иброҳим ба ваъдаи насли бешумор дар давоми сад сол санҷида мешуд. Ҳангоме ки ба падаркалон бори якум писар ваъда шуда буд, вай 75-сола буд. Пеш аз он ки Исҳоқ зода шавад, вай 25 сол интизор буд. Исҳоқ 17-сола буд, вақте ки Иброҳим вайро ба кӯҳи Муриё барои ба Худо қурбон кардан бурд. Исҳоқ дар 40-солагияш зан гирифт, ва то зода шудани дугоникҳои вай боз

20 сол гузашт. Иброҳим дар 175-солагӣ вафот кард. Дар он вақт тамоми насли вай писари 75-сола ва ду набераи 15-солааш буданд. Аммо бо вуҷуди ин вай «ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва имони комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст» (Рум. 4,20.21).

**11,20** Мо бо тарзи фикрронии ғарбиямон бо душворӣ мефаҳмем, ки дар имони *Исҳоқ, Яъқуб* ва Юсуф, чунон ки он дар се ояти оянда навишта шудааст, чӣ чиз ғайриодӣ буд. Масалан, *Исҳоқ* барои он дар толори ҷалоли қаҳрамонони имон ҷой ба даст овард, ки боиси баракатҳои ояндаи *Яъқуб ва Эсав* шуд. Дар ин ҷо чӣ чизи ҷолиби диққат ҳаст?

Ҳанӯз то зода шудани кӯдакон Худованд ба Ривқо эълон намуд, ки писарон асосгузорони ду халқ хоҳанд шуд, ва калонӣ (Эсав) ба хурдӣ (Яъқуб) хизмат хоҳад кард. Эсав дӯстдоштаи Исҳоқ буд, ва чун писари калонӣ мебоист дар мерос соҳиби ҳиссаи беҳтаре мешуд. Аммо Ривқо ва Яъқуб Исҳоқи қариб нобиноро фиреб доданд, ва вай баракати беҳтарро ба Яъқуб дод. Ҳангоме ки забон як кардани онҳо ошкор шуд, Исҳоқ сахт хашмгин шуд. Аммо вай сухани Худоро фаромӯш накард, ки калонӣ ба хурдӣ хизмат хоҳад кард ва, агарчи Эсавро бештар дӯст медошт, дарк кард, ки Худо бар сустии вай дастболо шудааст, ва ҳама чиз чунон ки ҳаст, бояд монад.

**11,21** Дар ҳаёти *Яъқуб* бисёр саҳифаҳои бешарафона буданд, аммо бо вуҷуди ин вай чун қаҳрамони имон соҳиби шараф аст. Бо мурури замон хислати вай беҳтар шуд, ва вай дар авҷи ҷалол вафот кард. Эфроим ва Менашшеро – *писарони Юсуфро баракат дода,* вай дастонашро чунон гузошт, ки баракатҳои писари калонӣ ба Эфроим, ки писари хурдӣ буд, рост омаданд. Ба эродҳои Юсуф нигоҳ накарда, Яъқуб исрор намуд, ки баракат боэътибор дониста шавад, чунки ин тартибе буд, ки Худованд нишон дода буд. Биниши табиии вай заиф шуда буд, аммо биниши рӯҳонии вай аз ҳарвақта қавитар буд. Охирин чизе ки мо дар интиҳои умри Яъқуб мебинем, симоест, ки ба асо такя намуда, дар парастиш хам шудааст. Ч. Ҳ. Макинтош чунин хулоса мекунад:

*Охири роҳи ҳаёти Яъқуб бо хислати ҳаёти пештараи пур аз ҳодисоти вай тазоди ҳайратоварест. Вай ба мо бегоҳии соферо ёдрас мекунад, ки баъди рӯзи бӯронӣ фаро расидааст; офтоб, ки тамоми рӯз дар паси абрҳо пинҳон буд, бо тамоми ҳашамати худ нурпошӣ мекунад; нурҳои охирини вай ғарбро тиллоранг гардонда, аз фардои зебо дарак медиҳанд. Бо падаркалони пир низ ҳамин тавр буд. Ҳамаи корҳое ки ҳаёти вайро доғдор карда буданд, тамоми ҳилагариҳояш, найрангҳояш ҳангоми бастани шартномаҳо, корчаллониҳояш, хавфҳои худпарастонааш, самари беимонияш – ҳамаи ин ҷиҳатҳои торики хислати табиӣ ва заминияш ба гузашта тааллуқ доштанд, ва вай дар пеши назари мо бо тамоми ҳашамати ороми имон падидор мешавад, баракатҳо медиҳад, бартариҳои писаронашро муайян мекунад, ва дар айни замон зиракии пок зоҳир мекунад, ки онро танҳо дар мушоракати наздик бо Худо дарёфт кардан мумкин аст.*[21]

**11,22** *Имони* Юсуф *дар вақти вафоташ* ҳамчунин қавӣ буд. Вай ба ваъдаҳои Худо дар хусуси аз Миср баровардани халқи *Исроил* бовар мекард. Ба шарофати имон, ҳанӯз ҳамон вақт фикран дар пеши назари вай *хуруҷ* меистод. Вай чунон ба он боварӣ дошт, ки ба писаронаш васият кард, ки *устухонҳояшро* гирифта дар Канъон дафн кунанд. «Пас, – менависад Вилям Линколн, – агарчи вай бо шукӯҳу ҳашамати Миср фаро гирифта шуда буд, дили вай на дар он ҷо, балки бо халқаш дар ҷалоли оянда ва баракатҳояш буд».[22]

**11,23** Моҳиятан, дар ин ҷо ба мо на имони *Мусо,* балки имони *падару модари* вай нишон дода шудааст. Ба кӯдак нигоҳ карда, онҳо медиданд, *ки кӯдаки зебост,* аммо ин фақат зебоии табиӣ набуд. Онҳо медиданд, ки барои ин кӯдак тақдири махсус муҳайё карда шудааст, ва Худо вайро барои меҳнати махсус интихоб кардааст. Боварии онҳо ба он ки Худо албатта ба мақсадҳояш мерасад, ба онҳо ҷасорат дод, ки ба *амри подшоҳ* итоат накарда, кӯдакро *се моҳ* пинҳон доранд.

**11,24** Бо *имон* худи *Мусо* аз бисёр чизҳо даст кашида тавонист. Вай бо ҳашамати дарбори Миср фаро гирифта шуда, ҳамаи он чизҳоеро дошт, ки одамон бо кӯшишҳои беандоза ба даст меоранд, аммо дарк кард, ки «на соҳиби ашёҳо будан, балки аз онҳо даст кашидан осудагии ҳақиқӣ меорад» (Ҷ. Грегорӣ Мэнтл).

Аввалан, вай аз шуҳрати Миср даст кашид. Вай писархонди *духтари фиръавн* буд, ва ба ҳамин восита барояш ҷой дар байни аъёну

ашрофи кишвар, ва шояд ҳатто тахти фиръавн, таъмин шуда буд. Аммо дар рагҳои вай хуни боз ҳам наҷибтар – хуни халқи заминии баргузидаи Худо – ҷорӣ буд. Ин мартабаро дошта, вай ҳеҷ наметавонист то дараҷаи узви оилаи подшоҳони Миср паст фарояд. Чун вай ба балоғат расид, интихоби худро кард. Вай намехост аз боиси якчанд соли ҷалоли заминӣ мансубияти миллии худро пинҳон кунад. Натиҷа? Хотираи вай на дар ду-се сатри иероглифҳо дар кадом як мақбара, балки дар Китоби ҷовидонии Худо абадӣ гардонда шудааст. Ба ҷои он ки чун яке аз мумиёҳои мисрӣ дар музей гузошта шавад, вай чун марди Худо ҷалол пайдо кард.

**11,25** Сониян, вай аз *ҳаловатҳои* Миср даст кашид. Имконияти ҳамроҳи *қавми азобкашандаи Худо* будан барояш аз тағофул ба хоҳишҳо ва ҳавасҳояш аҳамияти бештаре дошт. Шарафи ҳамтақдири халқи уқубаткашандаи худ будан назар ба айшу ишратҳо дар дарбори фиръавн қаноатмандии бештаре медод.

**11,26** Сеюм, Мусо *аз ганҷҳои Миср* рӯ гардонд. Ба шарофати имон вай дида тавонист, ки ганҷинаҳои афсонавии Миср дар нурҳои абадият ҳама гуна арзиши худро гум мекарданд. Бинобар ин вай ба худ ҳамон *хориеро* интихоб намуд, ки дертар Масеҳ низ ба Худ мегирад. Садоқат ба Худо ва муҳаббат ба халқи Ӯ барои Мусо аз ҳамаи ганҷҳои фиръавн аҳамияти бештаре доштанд. Вай медонист, ки бо фаро расидани маргаш аз ин ганҷҳо нафъе нахоҳад буд.

**11,27** Чорум, вай аз подшоҳи Миср низ даст кашид. Мардонагиро аз *имон* дастрас намуда, Мусо *аз ғазаби подшоҳ натарсид* ва кишвари ғуломиро тарк кард. Вай бо ин амал аз сиёсати ин ҷаҳон қатъиян ҷудо шуд. Вай барои он аз фиръавн ин қадар кам метарсид, ки аз Худо бисёртар метарсид. Назари вай ба он Касе дӯхта шуда буд, ки «Фармонгузори муборак ва ягона, Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон, ки танҳо Ӯ намиранда буда, дар нури дастнорас сокин аст, ва Ӯро ҳеҷ кас надидааст ва дида наметавонад. Ӯро то абад иззат ва қудрат бод! Омин» (1Тим. 6,15.16).

**11,28** Ва ниҳоят, вай дини Мисрро рад кард. *Песаҳро* таъсис дода ва *пошидани хунро ба ҷо оварда,* Мусо кушоду равшан худро аз бутпарастии Миср абадан дур кард. Вай тамоми низоми динии онро ба майдон даъват намуд. Наҷотро ба вай на оби Нил, балки хуни барра медод. Дар натиҷа *несткунанда* ба *нахустзодагони* исроилиён раҳм намуд, аммо нахустзодагони мисриро кушт.

**11,29** Дар аввал таасуроте ҳосил мешуд, ки *баҳри Қулзум* ба гурезагони яҳудӣ ҳалокат меовард. Душманон онҳоро аз паяшон таъқиб мекарданд, ва онҳо гӯё ба дом афтода буданд. Аммо онҳо ба сухани Худо итоаткор буданд ва ба пеш ҳаракат карданд, ва обҳо аз ҳам ҷудо шуданд: «... ва Парвардигор баҳрро бо боди шарқии сахте тамоми шаб ба ҳаракат даровард, ва баҳрро хушк гардонид, ва обҳо аз ҳам ҷудо шуданд» (Хур. 14,21). Ҳангоме ки *мисриён* аз пайи онҳо рафтанӣ шуданд, чархҳои аробаҳои онҳо дар рег банд шуданд, обҳо ба ҷои ҳамешагии худ баргаштанд, ва лашкари фиръавн ҳалок шуд. Ҳамин тариқ, баҳри Қулзум барои исроилиён роҳи сангфарши раҳоӣ, аммо барои мисриён ҳукми марг шуд.

**11,30** Шаҳри *Ариҳо,* ки бо деворҳои баланд печонида шуда буд, ҳангоми забти Канъон барои исроилиён нуқтаи ҳарбии якум буд. Ақли одамӣ изҳор мекард, ки ин гуна қалъаро танҳо лашкари бузурге фатҳ карда метавонад. Аммо имон усулҳои тамоман дигар дорад. Худо барои расидан ба мақсадҳои Худ стратегияеро ба кор мебарад, ки ба одам метавонад аблаҳона тобад. Парвардигор ба халқи Худ фармуд, ки *ҳафт рӯз* шаҳрро давр зананд. Дар рӯзи ҳафтум онҳо бояд шаҳрро ҳафт бор давр мезаданд. Коҳинон мебоист карнайҳояшонро баланд менавохтанд, халқ бояд баланд фарёд мекард, ва *деворҳо* меафтанд. Коршиносони ҳарбӣ ин услубро бемаънӣ ҳисобида, аз он даст мекашиданд. Аммо он амал кард! Силоҳ дар ҷанги рӯҳонӣ аз ин ҷаҳон нест, аммо дар он барои хароб кардани қалъаҳо қувваи илоҳӣ ҳаст (2Қур. 10,4).

**11,31** Мо намедонем, ки *Роҳоби фоҳиша* кай парастидани Парвардигорро сар карда буд, аммо комилан равшан аст, ки вай инро мекард. Вай дини дурӯғини Канъонро тарк карда, яҳудиятро қабул кард. Имони вай ба санҷиши сахте рӯ ба рӯ шуд, вақте аз остонаи хонааш ҷосусони яҳудӣ даромаданд. Вай ба кӣ вафодор хоҳад буд: ба кишвари худ ва ҳамватанонаш ё ба Парвардигор? Роҳоб қарор дод, ки ба тарафи Парвардигор гузарад, ҳатто агар ин маънои хиёнат ба ватани худро дошт. Ба шарофати он ки вай *ҷосусонро* хуш қабул кард,

ба вай ва аҳли оилааш раҳм карданд, дар ҳоле ки ҳамсоягони беитоаташ ҳалок шуданд.

**11,32** Ин ҷо муаллиф саволи риторикӣ медиҳад: *Боз чӣ гӯям?* Вай аллакай номгӯи назарраси одамонеро овард, ки дар замонҳои Аҳди Қадим имон ва пурсабрӣ зоҳир намуда буданд. Боз чӣ қадар номҳоро зикр кардан лозим аст, то ки ин ҳақиқат ба хонанда расонда шавад?

Вай боз мисолҳои зиёд оварда метавонист, аммо вақт намерасад. Аз нақли дурудароз бо тамоми ҷузъиёт худдорӣ карда, муаллиф фақат баъзе шахсонро номбар мекунад ва якчанд ғалабаҳо ва санҷишҳои имонро кӯтоҳакак зикр мекунад.

Инак *Ҷидъун,* ки лашкараш аз 32 000 то 300 кас кам карда шуда буд. Аввал беҷуръатон, сипас онҳое ки роҳати шахсиро беҳад баланд қадр мекарданд, ба хона фиристода шуданд. Ҷидъун ҳамроҳи пайравони ҳақиқӣ мидёниёнро пеш кард.

Баъд *Бороқ* буд. Вай барои роҳбарӣ бар Исроил дар муҳориба бо лашкари канъониён даъват шуда буд ва танҳо ба шарте ба ин розӣ шуд, ки Дебӯро ҳамроҳаш равад. Аммо ба ин зарраи буздилӣ дар хислати вай нигоҳ накарда, Худо умеди бузурги вайро дид ва номашро ба рӯйхати мардони имон дохил кард.

*Шимшӯн* низ аз он исроилиёнест, ки сустиҳояшон аён буданд. Аммо бо вуҷуди ин Худо бовареро дид, ки ба Шимшӯн қувват дод, то бо дастони холӣ шери ҷавонро кушад, сӣ нафар фалиштиёнро бо ҷоғи хар кушад, дарвозаи Ғаззаро гирифта барад ва, ниҳоят, парастишгоҳи Доҷӯнро хароб карда, дар лаҳзаи маргаш назар ба тамоми умраш миқдори зиёдтари фалиштиёнро кушад.

Агарчи *Йифтоҳ* берун аз никоҳ зода шуда буд, вай доваре шуд, ки халқро аз аммӯниён наҷот дод. Вай намунаи равшани он аст, ки чӣ тавр имон ба кас қувват медиҳад, то аз насаб ва муҳити атрофаш болотар баромада, баҳри ҷалоли Худо ба равиши таърих таъсир расонад.

Ҷанги *Довуд* бо Ҷолиёт, муносибати наҷибонаи вай бо Шоул, забти Сион ва дигар воқеаҳои бешумор аз имон пурнур мебошанд. Дар таронаҳои Забур имони Довуд шакли тавба, ҳамду сано ва пайғамбариро гирифт.

*Самуил* – довари охирини Исроил ва пайғамбари якуми он аст. Дар замонҳое ки касодии рӯҳонӣ бар коҳинон сояи даҳшатовари худро афканда буд, вай фиристодаи Худо ба халқ шуд. Ин яке аз шахсиятҳои бузургтарин дар таърихи Исроил аст.

Ба рӯйхати овардашуда *пайғамбарон,* хабаррасонони наҷиби Худо, шахсоне илова мешаванд, ки виҷдони беандоза ҳассос дошта, назар ба дурӯғ гуфтан маргро афзалтар медонистанд, ва ба осмон бо виҷдони пок рафтанро беҳтар меҳисобиданд, назар ба ин ки бо виҷдони доғдор дар замин монанд.

**11,33** Аз номбар кардани мардони имон муаллиф ба тасвири қаҳрамониҳои онҳо мегузарад.

Онҳо *мамлакатҳоро мағлуб карданд.* Ин ҷо Юшаъ ибни Нун, доварон (ки дар асл роҳбарони ҳарбӣ буданд), Довуд ва дигарон ба хотир меоянд.

Онҳо *ростиро ба амал оварданд.* Сулаймон, Осо, Еҳушофот, Еҳуош, Ҳизқиё ва Йӯшиёҳу ба таърих ҳамчун подшоҳоне ворид шудаанд, ки дар замони онҳо росткорӣ ҳукмфармо буд, агарчи худи онҳо комил набуданд.

Онҳо *иҷрои ваъдаҳоро диданд.* Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки Худо бо онҳо аҳдҳо мебаст, чунон ки дар мавриди Иброҳим, Мусо, Довуд ва Сулаймон буд; ё ин ки онҳо иҷроиши аҳдҳои Худоро ба даст меоварданд, ки ин ҳаққонияти суханони Ӯро нишон медод.

Онҳо *даҳони шеронро бастанд.* Намунаи равшантарини ин Дониёл аст (Дон. 6,22), аммо мо набояд Шимшӯнро (Дов. 14,5.6), ва Довудро (1Сам. 17,34.35) низ аз ёд барорем.

**11,34** *Онҳо қуввати оташро хомӯш карданд.* Оташи тафсон дар кӯра фақат ҳамин корро карда тавонист, ки бандҳои се ҷавони яҳудиро сӯзонд ва онҳоро озод кард (Дон. 3,25). Ҳамин тариқ, маълум шуд, ки вай баракати ниҳонӣ будааст.

*Аз дами шамшер халосӣ ёфтанд.* Довуд аз ҳуҷумҳои бадхашмонаи Шоул халосӣ ёфт (1Сам. 19,9.10), Илёс аз нафрати марговари Изобал халосӣ ёфт (1Подш. 19,1-3), Элишоъ аз подшоҳи Арам халосӣ ёфт (2Подш. 6,15-19).

*Аз сустӣ боқувват шуданд.* Дар солномаҳои имон бисёр рамзҳои сустӣ ҳастанд. Масалан, Эҳуд чапдаст буд ва бо вуҷуди ин подшоҳи Мӯобро кушт (Дов. 3,12-22). Ёил, намояндаи «ҷинси заиф», Сисароро бо фонаи хайма кушт (Дов. 4,21). Ҳангоми ба лашкаргоҳи мидёниён ҳуҷум карданаш Ҷидъун бо

кӯзаҳои гилин мусаллаҳ буд ва ғолиб омад (Дов. 7,20). Шимшӯн ҳазор фалиштиро бо ҷоғи хар кушт (Дов. 15,15). Ҳамаи онҳо тасдиқи аёнии он ҳақиқат мебошанд, ки Худо нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад (1Қур. 1,27).

*Дар ҷанг пурзӯр гардиданд.* Имон ба одамон қувваи фавқуттабиӣ дода, имкон медод, ки душмани миқдоран аз онҳо чандин маротиба зиёдро мағлуб кунанд.

*Лашкарҳои бегонаҳоро торумор карданд.* Аксаран лашкарҳои бад мусаллаҳшуда ва миқдоран аз душман хеле камтари Исроил душманро ошуфта карда ва ҳамаи дигаронро ба ҳайрат оварда, ғалабаи осон ба даст меоварданд.

**11,35** *Занон мурдаҳои худро бархеста ёфтанд.* Мисоли ин – бевазан аз Сорефот (1Подш. 17,22) ва зане аз Шунам (2Подш. 4,34) мебошанд.

Аммо имон симои дигаре низ дорад. Бар иловаи онҳое ки қаҳрамониҳои фавқулода нишон додаанд, онҳое низ буданд, ки азобҳои фавқулода кашидаанд. Инҳо дар назари Худо ба монанди аввалиҳо пурқиматанд.

Аз боиси имон ба Худо баъзеҳо мебоист аз шиканҷаҳои даҳшатнок мегузаштанд. Агар онҳо аз Ӯ даст мекашиданд, онҳоро фавран озод мекарданд; аммо онҳо афзал мешумориданд, ки бимиранд ва аз нав дар ҷалоли осмонӣ зинда шаванд, назар ба ин ки бо тамғаи хоинони Худо зиндагиро давом диҳанд. Дар замони Маккабиён Антиох Эпифан модар ва ҳафт писари вайро яке паси дигар қатл кард. Онҳо пешниҳоди вайро оид ба озодшавӣ қабул накарданд, то ки *ба растохези беҳтаре бирасанд,* ки аз давом додани одии ҳаёти заминӣ беҳтар аст. Моррисон менависад:

*Ҳамин тариқ, ин низ самари имон аст, вақте ки он ба одам халосӣ намеоварад, балки ҳангоме ба вай раҳоиро пешниҳод мекунанд, ҷасорати азиме медиҳад, то ин пешниҳодро рад кунад. Замонҳое ҳастанд, ки имон дар қабул кардан зоҳир мешавад. Аммо замонҳое ҳастанд, ки он чи одам рад мекунад, оид ба имон шаҳодат медиҳад. Раҳоие ҳаст, ки имон онро ба оғӯш мегирад. Раҳоие ҳаст, ки имон онро аз худ дур мекунад. Онҳоро шиканҷа ва азоб медоданд, аммо онҳо раҳоии пешниҳодшударо рад мекарданд, ва ин барояшон чун аломат ва муҳри имон хизмат мекард. Дақиқаҳое ҳастанд, ки ба озодӣ гузаштанро рад кардан чун шаҳодати баландовозтарини имон хизмат мекунад.*[23]

**11,36** *Ва баъзеи дигарро* масхара карданд, заданд ё ба зиндон андохтанд. Барои ба Худо содиқ буданаш Ирмиё ҳамаи ин шаклҳои ҷазоро аз сар гузаронд (Ирм. 20,1-6; 37,15). Юсуф низ барои он ба зиндон андохта шуд, ки азобҳоро аз гуноҳ афзал донист (Ҳас. 39,20).

**11,37** Онҳо *сангсор шуданд.* Исо ба китобдонон ва фарисиён ёдрас намуд, ки аҷдодони онҳо Закарёро дар байни парастишгоҳ ва қурбонгоҳ куштанд (Мат. 23,35).

Онҳоро *бо арра ду пора карданд.* Ривоят баён мекунад, ки подшоҳ Менашше Ишаъёро маҳз ҳамин тавр қатл кард.

Онҳо *ба шиканҷа гирифтор шуданд* (ё «онҳоро санҷиданд»). Эҳтимол, ин ҷо санҷишҳои даҳшатоваре тасвир мешаванд, ки нисбати масеҳиён ба кор мебурданд, то онҳоро маҷбур кунанд, ки гузашт кунанд, даст кашанд, гуноҳ кунанд ё ба ягон тарзе аз Худо рӯ гардонанд.

Онҳо *аз дами шамшер мурданд.* Уриё маҳз ҳамин гуна кушта шуд, барои он ки ба подшоҳ Еҳуёқим хабари Худоро овард (Ирм. 26,23); аммо ин суханон бештар ба куштори оммавӣ дахл доранд, монанди он ки дар замони Маккабиён буд.

Онҳо *пӯстҳои гӯсфанду буз дар тан саргардон шуда, муҳтоҷӣ, тангӣ ва азоб кашиданд.* Мурҳед тафсир мекунад:

*Агар онҳо аз Худо даст кашида, ба дурӯғи ҷаҳон бовар мекарданд, шоҳӣ ва махмалро ба бар карда, дар қасрҳои мирон аз шукӯҳ лаззат бурда метавонистанд. Ба ҷои ин онҳо бо либосҳо аз пӯсти гӯсфандону бузҳо сарсону саргардон мегаштанд; дар назари ҷаҳон худи онҳо низ аз ин ҳайвонҳо беҳтар набуданд, ва ба монанди онҳо фақат барои забҳ кардан лоиқ диниста мешуданд.*[24]

Онҳо бенавоӣ, маҳрумиятҳо ва таъқиботро мардонавор паси сар мекарданд.

**11,38** Ҷаҳон бо онҳо чунон рафтор мекард, ки гӯё онҳо ҳуқуқи дар замин зистанро надошта бошанд. Аммо Рӯҳулқудс ин ҷо мулоҳизае ворид мекунад, ки ҳамаи ин тамоман баръакс буд – *ҷаҳон лоиқашон набуд.*

Онҳо *дар биёбонҳо ва кӯҳҳо, дар ғорҳо ва шикофҳои замин овора шуда гаштанд.* Аз хонаҳо маҳрум шуда, аз оилаҳо канда шуда, чун ҳайвоноти ваҳшӣ дучори таъқиб шуда, аз

ҷамъият берун партофта шуда, онҳо ба гармову сармо, андӯҳҳо ва мусибатҳо тоб меоварданд, аммо садоқатро ба Парвардигори худ нигоҳ медоштанд.

**11,39** Худо оид ба имони ин қаҳрамонони Аҳди Қадим шаҳодат медиҳад, аммо бо вуҷуди ин онҳо чизи ваъдашударо ба даст наоварда, мурданд. Онҳо то он замон зинда намонданд, ки омадани Масеҳро дида тавонанд ё аз баракатҳое ки хизмати Ӯ меорад, ҳаловат баранд.

**11,40** *Худо* барои мо *чизи беҳтаре* муҳайё намудааст. Ӯ ҳама чизро чунон мураттаб намуд, *то онҳо бе мо комил нагарданд.* Дар он чи ба гуноҳ дахл дорад, виҷдони онҳо ҳеҷ гоҳ пок буда наметавонист, ва то даме ки мо барои дар ҳаво пешвоз гирифтани Худованд (1Тас. 4,13-18) ба осмон гирифта нашавем, онҳо аз камолоти пурраи бадани ҷалолёфта дар осмон ҳаловат бурданро сар намекунанд. Ҷонҳои муқаддасони Аҳди Қадим аллакай ҳозир дар ҳузури Худованд комил мебошанд (Ибр. 12,23), аммо баданҳои онҳо то дами барои халқи Худ баргаштани Худованд зинда намешаванд. Танҳо ҳамон вақт онҳо аз камолоти ҷалоли растохез лаззат бурда метавонанд.

Дигар хел карда гӯем, имондорони Аҳди Қадим на дар он вазъияти имтиёзноке буданд, ки мо дар он ҳастем. Аммо дар бораи тантанаҳои ҳайратовар ва санҷишҳои азими онҳо андеша кунед! Дар бораи қаҳрамониҳо ва пурсабрии онҳо фикр кунед! Онҳо дар он тарафи салиб мезистанд; мо бошем дар нурҳои ҷалоли пурраи он зиндагӣ мекунем. Пас ҳаёти мо дар заминаи ҳаёти онҳо чӣ намуде дорад? Маҳз ҳамин аст даъвати раднопазири боби 11-уми Нома ба Ибриён.

## В. Насиҳат оид ба умед бастан ба Масеҳ (Б. 12)

**12,1** Мо набояд фаромӯш кунем, ки ин Нома ба шахсони таъқибшаванда ва рондашаванда навишта шудааст. Яҳудиятро ба хотири масеҳият тарк карда, онҳо ба муқобилати сахт дучор шуданд. Хатари он ки онҳо азобҳоро чун нишонаи норозигии Худо маънидод мекунанд, хеле калон буд. Онҳо метавонистанд рӯҳафтода гашта, таслим шаванд. Аз ин ҳам бадтар, онҳо метавонистанд ба васвасаи бозгаштан ба парастишгоҳ ва маросимҳои он рӯ ба рӯ шаванд.

Онҳо набояд азобҳои худро беҳамто меҳисобиданд. Бисёрии шоҳидони дар боби 11 тасвиршуда аз боиси ба Худованд вафодор буданашон сахт азоб мекашиданд, аммо бо вуҷуди ин тоб оварданд. Онҳо, ки ин қадар имтиёзҳои азимро, чунон ки мо дорем, соҳиб набуданд, чунин пурсабрии устувор нишон дода тавонистанд. Пас мо, ки тамоми афзалиятҳои масеҳиятро соҳиб гаштаем, чӣ гуна пурсабрии азим бояд нишон диҳем?

Муқаддасони Аҳди Қадим чун *абри шоҳидон* моро печонида гирифтаанд. Ин маънои онро надорад, ки онҳо он чиро, ки дар замин рӯй медиҳад, мушоҳида мекунанд. Онҳо бо ҳаёти имон ва пурсабрии худ ба мо шаҳодат дода, намунае нишон медиҳанд, ки бояд ба он пайравӣ кунем.

Ҳангоми хондани ин оят саволе ба миён меояд: «Оё муқаддасон дар осмон метавонанд ҳаёти моро дар замин бинанд ё ҳодисаҳои меомадаро донанд?» Ягона чизе ки бо аниқӣ гуфтан мумкин аст, ҳангоме ягон гуноҳкор наҷотро соҳиб мешавад, онҳо инро медонанд: «Ба шумо мегӯям, ки дар осмон барои як гуноҳкоре ки тавба мекунад, шодӣ зиёдтар хоҳад буд, назар ба наваду нӯҳ росткоре ки ба тавба эҳтиёҷ надоранд» (Луқ. 15,7).

Ҳаёти масеҳӣ мусобиқаи давидани марафонӣ аст, ки аз вай интизом ва пурсабриро металабад. Мо бояд бе таассуф ҳар он чизеро, ки ба ҳаракати мо халал мерасонад, дур андозем. Ин чизҳо дар худии худ метавонанд безарар бошанд, аммо, бо вуҷуди ин, ба пешравӣ халал мерасонанд: моликият, робитаҳои оилавӣ, дӯст доштани роҳат, сустҳаракатӣ ва ғайра. Дар қоидаҳои бозиҳои олимпӣ ба варзишгар манъ нашудааст, ки бо худ хӯрокворӣ гирад, аммо дар он ҳолат вай ғолиб омада наметавонад.

Мо бояд *гуноҳро, ки моро фаро мегирад, аз худ дур андозем.* Ин ҷо ҳама гуна гуноҳ дар назар буда метавонад, аммо махсусан гуноҳи беимонӣ. Мо бояд ба ваъдаҳои Худо бегуфтугӯ бовар карда, пурра боварӣ дошта бошем, ки ҳаёти имондорона ҳатман ғолиб меояд.

Агар касе гумон кунад, ки *майдони дар пеш бударо* бе душворӣ тай карда метавонад, ва гӯё дар ҳаёти масеҳиёна ҳама чиз ранги

гулобӣ дорад (яъне ҳама чиз осон аст), пас вай дар хатари калоне қарор дорад. Мо бояд тайёр бошем, ки аз миёни санҷишҳо ва озмоишҳо гузашта, пеш равем.

**12,2** Дар давоми тамоми мусобиқаи давидан мо бояд ҳама чизи дигарро сарфи назар карда, аз *Исо,* пешқадами онҳое ки медаванд, чашм наканем. А. Б. Брюс менависад:

*Дарҳол ба чашм мерасад, ки Яке аз дигарон хеле баландтар истодааст ... Одаме ки аввалин шуда идеяи ҳаёти имондоронаро амалӣ гардонд ... бо вуҷуди шармандавор будани азобҳои салиб ба он сархамона тоқат мекунад ва аз имон қавӣ мегардад. Ин имон хурсандӣ ва ҷалоли ояндаро ба андозае баръало медид, ки дарду шармандагии ҳозираро барҳам медод.*[25]

Ӯ *Сарвари имони* мост ба он маъное ки ягона намунаи комили чӣ гуна будани ҳаёти имондоронаро ба мо дод.

Ӯ *Комилкунандаи имони* мо низ аст. Вай на танҳо ин мусобиқаи давиданро сар кард, балки низ ба марра аввалин шуда омад. Хатти давидани вай аз осмон то Байт-Лаҳм, сипас ба Ҷатсамонӣ ва Ҷолҷолто, баъд ба қабр ва боз ба осмон буд. Вай ягон бор пешпо нахӯрд, ақиб гаштанӣ нашуд. Назари вай ба ҷалоли oянда равона шуда буд, ҳангоме ки ҳамаи наҷотёфтагон тамоми абадият ҳамроҳи Ӯ хоҳанд буд. Ин ба вай қувват медод, ки оид ба шармандагӣ фикр накарда, азобҳо ва маргро истодагарона паси сар кунад. Имрӯз Ӯ *ба тарафи рости тахти Худо нишаст.*

**12,3** Ин ҷо манзара аз мусобиқаи давидан ба мубориза бо гуноҳ иваз мешавад. Сарлашкари далери мо Худованд Исо аст; ҳанӯз ҳеҷ кас чун Ӯ *ба чунин зиддият тоб* наовардааст. Ҳар боре ки ба *мо хатари дилхунук ва хаста шудан* таҳдид мекунад, бояд оид ба он андеша кунем, ки Ӯ чиҳоро аз сар гузарондааст. Ҳамаи мушкилоти мо дар муқоиса бо ин ҳеҷу пуч хоҳанд тобид.

**12,4** Мо бо *гуноҳ* дар ҷанги беохир ҳастем. Аммо бо вуҷуди ин мо ҳанӯз *то ба дараҷаи рехтани хун,* яъне то ба марг *муқобилат накардаем.* Аммо Ӯ – то ба марг!

**12,5** Ин ҷо нуқтаи назари масеҳиёна нисбати уқубатҳо баён шудааст. Чаро ба ҳаёти масеҳӣ таъқибот, санҷишҳо, беморӣ, дард, ғам ва мусибатҳо зада медароянд? Оё онҳо нишонаи ғазаб ё норозигии Худо ҳастанд? Ё ин ки онҳо тасодуфан воқеъ мешаванд? Мо ба онҳо бояд чӣ гуна аксуламал нишон диҳем?

Ин оятҳо ба мо таълим медиҳанд, ки азобҳо қисми ҷудонашавандаи раванди тарбияи фарзандони Худо мебошанд. Агарчи онҳо аз Худо барнамеоянд, Ӯ ба онҳо имкон медиҳад, ки ба ҳаёти мо дохил шаванд, ва баъд бар онҳо дастболо мешавад – барои ҷалоли Худ, барои нафъи мо ва баракати дигарон.

Ҳеҷ чиз бо масеҳӣ тасодуфан рӯй намедиҳад. Мусибатҳо баракатҳои рупӯшшуда мебошанд, ноумедиҳо – даъват барои ба назди Ӯ омадан. Вазъиятҳои номусоиди зиндагиро Худо барои ба сурат ва шабоҳати Масеҳ тағйир додани мо истифода мебарад.

Ҳамин тариқ, муаллиф масеҳиёни аввалини яҳудиро даъват мекунад суханонро аз китоби Масалҳо 3,11.12 дар ёд доранд, ки он ҷо Худо ба онҳо чун ба *писарон* муроҷиат мекунад. Он ҷо Ӯ онҳоро огоҳӣ медиҳад: аз ҷазои Ӯ нафрат накунанд ва ҳангоми сарзаниш кардани Ӯ мардонагиро гум накунанд. Агар онҳо муқобилат кунанд ё таслим шаванд, аз чораҳои тарбиявии Ӯ ҳеҷ манфиате нахоҳад буд, ва онҳо чизеро нахоҳанд омӯхт.

**12,6** Бо хондани суханоне ба монанди «ҷазо медиҳад», «ҷазо» мо дарҳол оид ба сазо фикр мекунем. Аммо ин ҷо бо калимаи ҷазо танҳо таълим ё тарбияи кӯдак дар назар дошта шудааст. Қисмҳои таркибии ин раванд насиҳат, ҷазо, ислоҳ ва огоҳонидан мебошанд. Мақсади асосии онҳо – парваридани арзандагиҳои масеҳиёна ва решакан кардани бадист. Дар оятҳои додашуда ҷазо на подош барои рафторҳои ношоям, балки тарбия ба воситаи таъқибот аст.

Оятҳои аз Масалҳо овардашуда равшан ишорат мекунанд, ки ҷазои Худо исботи муҳаббати Ӯ мебошанд, ва ҳеҷ яке аз *писарони Ӯ* аз он раҳоӣ надорад.

**12,7** *Ҷазои* Худоро итоаткорона қабул карда, мо ба чораҳои интизомии Ӯ имкон медиҳем, ки моро мувофиқи намунаи Ӯ ташаккул диҳанд. Агар мо кӯшиш кунем, ки ба чораҳои интизомии Ӯ зиддият кунем, ба Ӯ лозим меояд усулҳои таъсирбахштар, яъне сахттарро ба кор бурда, таълим додани моро давом диҳад. Дар мактаби Худо низ якчанд дараҷаҳо ҳастанд, ва мо ба синфи оянда ҳамон вақте мегузарем, ки маводи таълимии синфи пештараро аз худ карда бошем.

Бинобар ин, ҳангоме ки дучори санҷишҳо мешавем, мо бояд дарк кунем, ки Худо бо мо чун бо *писарон* рафтор мекунад. Агар байни падар ва писар муносибатҳои дуруст бошанд, падар писарро тарбия мекунад, чунки вайро дӯст медорад ва барояш хубӣ мехоҳад. Худо моро ниҳоят дӯст медорад, ва инкишофи моро ба ҳоли худ намегузорад.

**12,8** Дар соҳаи рӯҳонӣ онҳое ки интизоми Худоро дарк накардаанд, *ҳаромзодагон* мебошанд, ки бо *писарони* Ӯ ҳеҷ умумияте надоранд. Охир боғбон на алафҳои бегонаро, балки навдаҳои токро каллак мекунад. Дар ин маврид олами рӯҳонӣ аз рӯи ҳамон қоидаҳое зиндагӣ мекунад, ки ба олами табиат хосанд.

**12,9** Бисёрии моро *падарони ҷисмонӣ* ҷазо додаанд. Аммо мо инро ҳамчун ифодаи нафрат ба мо маънидод намекардем. Мо мефаҳмидем, ки онҳо барои беҳбудии мо ғамхорӣ мекарданд, ва онҳоро эҳтиром мекардем.

Пас мо бояд ба тарбияи *Падари рӯҳҳо* то чӣ дараҷа *зиёдтар* эҳтиром зоҳир намоем, *то ки зиндагӣ кунем*! Худо *Падари* (ё Сарчашмаи) ҳамаи мавҷудотест, ки рӯҳ мебошанд ё рӯҳ доранд. Одам рӯҳест, ки дар бадани одамӣ зиндагӣ мекунад. Ба Худо мутеъ шуда, мо ба маънои ҳақиқии ин калима аз ҳаёт ҳаловат бурда метавонем.

**12,10** Чораҳои интизомии волидони заминӣ аз камолот дур мебошанд. Онҳо танҳо дар давоми давраи маҳдуде таъсир доранд, яъне дар кӯдакӣ ва наврасӣ. Агар дар он вақт онҳо номуваффақ шуда бошанд, баъдтар аз онҳо ҳеҷ фоидае нахоҳад буд. Волидон ин чораҳоро *ба салоҳдиди худ,* мувофиқи он чи дуруст меҳисобиданд, меандешиданд. Баъзан онҳо хеле ғалат мекарданд.

Тарбияи Худо ҳамеша комил аст. Муҳаббати Ӯ беинтиҳост. Хиради Ӯ бехатост. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз рӯи ҳавою ҳаваси Худ ҷазо намедиҳад, балки ҳамеша – *ба манфиати мо*. Мақсади Ӯ – *то дар қудсияти Ӯ шарик бошем*. Худотарсиро ба ғайр аз мактаби Худо дар ҳеҷ ҷои дигар ба даст овардан имком надорад. Ҷоветт мегӯяд:

*Мақсади ҷазои Худо на сазо додан, балки эҷод кардан аст. Ӯ ҷазо медиҳад, то мо дар қудсияти Ӯ шарик бошем. Дар ибораи «то шарик бошем» ишорат ба самт ниҳон аст, ва он ба ҳаёти покшуда, нексириштшуда ишорат мекунад. Оташе ки Ӯ даргирондааст, гулхане нест, ки беэҳтиёт месӯзад ва чизҳои пурқиматро фурӯ мебарад, балки алангаест, ки дар кӯра месӯзад, ва дар назди он устои заргар истодааст, ки суботкорона, пурсаброна ва эҳтиёткорона покиро аз бепарвоӣ ва устувориро аз сустӣ гудохта ҳосил мекунад. Худо ҳамеша меофарад, ҳатто ҳангоме ки воситаҳои ториктари файзро ба кор мебарад. Ӯ меваҳо ва гулҳои Рӯҳро ҳосил мекунад. Муҳаббати Ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯи чизҳои зебо аст.*[26]

**12,11** Дар ҳоли ҳозир ҳама гуна ҷазо дард меоварад. *Лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоварад.* Бинобар ин шаҳодатҳое монанди эътирофи Леслӣ Вэзарҳед бисёр вомехӯранд:

*Чун ҳама, ман баландиҳои офтобии ҳаётро, ки пур аз саломатӣ, хушбахтӣ ва муваффақият мебошанд, дӯст медорам. Аммо ман дар торикии сарди тарс ва мағлубият назар ба ҳангоми дар нурҳои офтоб ғӯтавар шудан чизи бештареро оид ба Худо фаҳмидам. Охир хазинаҳо дар торикӣ низ нигоҳ дошта мешаванд. Худоро шукр, ки ин торикӣ мегузарад. Аммо он чи ту аз он омӯхтӣ, ҳамеша бо ту мемонад. «Санҷишҳо, – навишта буд усқуф Фенелон, – ки ба фикратон, гӯё байни шумо ва Худо истодаанд, агар аз онҳо бо фурӯтанӣ гузаред, ба бандҳое табдил меёбанд, ки шуморо бо Ӯ боз ҳам мустаҳкамтар мебанданд. Ҳамаи он чи моро то умқи ҷон мушавваш мекунад ва ба иззати нафсамон мерасад, назар ба он чи моро ба ваҷд меорад ва рӯҳбаланд мекунад, бароямон нафъи бештаре мерасонад».*[27]

Дар бораи шаҳодати Сперҷен андеша намоед:

*Метарсам, ки ҳамаи он файзе ки ман дар соатҳо ва дақиқаҳои хушбахтӣ ва аз ташвишу изтироб холӣ дарк намудаам, дар тангае меғунҷанд. Аммо ҳама чизи неке ки ман аз замони андӯҳ, дард ва ғам ҳосил намудаам, ҳақиқатан беинтиҳост. Оё ман ягон чизи хубе дорам, ки болға ва сандон бар он меҳнат накарда бошанд? Мусибат ва фалокат оройши беҳтаринест барои хонаи ман.*[28]

**12,12** Дар ҳаёт бо вазъиятҳои номусоид рӯ ба рӯ шуда, масеҳиён набояд таслим шаванд, имони сустшудаи онҳо ба дигарон таъсири манфӣ расонда метавонад. *Дастҳои беқувват* бояд барои хизмат ба Масеҳи зинда *қавӣ* гардонда шаванд. *Зонуҳои бемаҷол* бояд барои дуои боисрор қувват пайдо кунанд.

**12,13** *Пойҳое ки меланганд* бояд ба *роҳҳои* рости шогирдии масеҳиёна равона карда шаванд. Вилямс менависад:

*Ҳар касе ки аз таҳти дил Исои Масеҳро пайравӣ мекунад, ин роҳро барои бародарони суст ҳамвор мекунад; аммо оне ки на ҳамеша ва на дар ҳама чиз аз пайи Ӯ меравад, дар ақиби худ ноҳамвориҳову чуқуриҳоро мегузорад ва маъюбони рӯҳониро тавлид мекунад.*[29]

Г. Ҳ. Ланг инро чунин тасвир медиҳад:

*Роҳгузаре ки аз роҳ хаста ва аз шиддатҳои тундбод беҳол шуда буд, бо рӯҳафтодагии амиқ фаро гирифта шуда ва аз беиродагӣ карахт шуда, таваққуф намуд. Китфҳояш хамидаанд, дастҳояш суст шудаанд, зонуҳояш бемаҷол шудаанд – вай тайёр аст таслим шавад ва ба замин нишинад. Мусофири Худо, ба қавли муаллиф, то ин ҳолат расида метавонад.*

*Аммо инак ба вай роҳгузари дигаре наздик мешавад ва бо боварӣ, табассуми нек ва овози матин мегӯяд: «Зиндадил шав, қомататро рост кун, ба пойҳоят мустаҳкам ист, шердил шав. Ту аллакай роҳи дарозеро тай кардӣ, аз он чи бо душворӣ ба даст овардаӣ, рӯ нагардон. Дар охири роҳ туро ватани зебое интизор аст. Нигоҳ кун: ана он ҷо роҳи рост ба сӯи он аст; рост бо он роҳ рав; аз Табиби бузург хоҳиш кун, ки туро аз нотавониҳоят шифо диҳад ... Худованди мо аллакай бо ҳамин роҳи душвор ба сӯи қасри Худо рафтааст; ту танҳо нестӣ. Фақат таслим нашав, бирав, ва ту ба мақсад мерасӣ ва мукофот мегирӣ».*

*Хушбахт аст касе ки бо кадом суханон дастгирӣ намудани бемаҷолеро медонад (Иш. 50,4). Хушбахт аст касе ки суханони насиҳатро қабул мекунад (Ибр. 13,22). Ва се маротиба хушбахт аст касе ки имонаш ба андозае қавӣ ва сода аст, ки ҳангоми сахт будани ҷазои Худованд ба Ӯ шубҳа намекунад.*[30]

**12,14** Масеҳӣ бояд бо тамоми қувва *бо ҳама* ва ҳама вақт *осоиштро пеша кунад*. Аммо ин насиҳат дар давраҳои таъқибот, ҳангоме ки баъзеҳо имонро тарк мекунанд, вақте ки асабҳо таранг шудаанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин лаҳзаҳо озмоиши ба озодӣ сар додани ноумедӣ ва тарси худ ва ба азизону наздикон дарафтодан басо азим аст.

Ҳамчунин мо бояд муқаддасиро хоҳонбошем, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро намебинад. Ин ҷо сухан дар бораи кадом покӣ меравад? Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан бояд ба ёд оварем, ки оид ба муқаддасии масеҳиён сухан ронда, Аҳди Нав камаш се намуди онро номбар мекунад:

Пеш аз ҳама, ҳангоми бозгашт намудан масеҳӣ аз ҷиҳати мавқеи худ дар назди Худо муқаддасӣ пайдо мекунад; вай аз ҷаҳон барои Худо ҷудо карда шудааст (1Қур. 1,2; 6,11). Ба шарофати ягонагӣ бо Масеҳ вай абадан муқаддас шудааст. Мартин Лютер маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме ки гуфт: «Муқаддасии ман дар осмонҳост». Масеҳ дар он чи ба мавқеи мо дар назди Худо тааллуқ дорад, муқаддасии мост.

Боз муқаддасшавии амалӣ ҳаст (1Тас. 4,3;5,23). Ин ҳамон чизест, ки мо бояд ҳар рӯз кунем. Мо бояд аз бадӣ дар тамоми шаклҳояш дур шавем. Ин муқаддасӣ бояд афзун шавад, яъне мо бояд беш аз пеш ба Худованд Исо монанд шавем.

Ва охируламр, муқаддасшавии комил ё пурра ҳаст. Он ҳамон вақт ба амал меояд, ки масеҳӣ ба осмон меравад. Он ҷо вай абадан аз гуноҳ озод мешавад. Табиати кӯҳнаи вай аз байн меравад, ва ҳолати вай ба мавқеаш пурра мувофиқ мешавад.

Ҳамин тариқ, мо бояд хоҳони кадом *муқаддасӣ* бошем? Сухан, албатта, дар бораи муқаддасии амалӣ меравад. Мо набояд баҳри муқаддасии мавқеамон дар назди Худо кӯшиш кунем: онро мо ба таври автоматӣ ҳангоми аз олами боло зода шуданамон соҳиб мешавем. Мо ҳамчунин баҳри муқаддасии комил кӯшиш намекунем, ки онро ҳангоми дидани рӯи Ӯ мегирем. Аммо муқаддасии амалӣ, ё афзуншаванда, бе итоаткорӣ ва ҳамкории мо ба даст омада наметавонад. Мо бояд доимо баҳри ин муқаддасӣ меҳнат кунем. Он факт, ки мо бояд баҳри он кӯшиш кунем, далели он аст, ки мо дар ин зиндагӣ онро ҳеҷ гоҳ пурра ба даст намеоварем. (Тасвири муфассалтари ҷиҳатҳои гуногуни муқаддасшавиро дар тафсири ояти 2,11 нигаред).

Вуст менависад:

*Муаллиф ба яҳудиёни аз олами боло зодашуда, ки парастишгоҳро тарк кардаанд, бо насиҳате муроҷиат мекунад, ки то ба дараҷае муқаддасона зиндагӣ кунанд, имони нав ба даст овардаашонро то ба дараҷае устуворона пайравӣ кунанд, ки яҳудиёни наҷотнаёфта, ки низ парастишгоҳро тарк кардаанд ва зоҳиран ҳақиқати Аҳди Навро қабул кардаанд, қувват

*пайдо кунанд, ки ба ҷои бозгаштан ба қурбониовариҳои бекоршудаи низоми левизодагон роҳи худро сӯи имон ба Масеҳ ҳамчун Саркоҳин давом диҳанд. Вай ин яҳудиёни ҳақиқатан аз нав зодашударо даъват менамояд, ки бо лангидани худ дар ҳаёти масеҳиёна яҳудиёни наҷотнаёфтаро водор насозанд, ки аз роҳи рост баргарданд.*[31]

Аммо хоҳ-нохоҳ душвориҳо боқӣ мемонанд! Оё мо ҳақиқатан бе муқаддасии амалӣ Худовандро дида наметавонем? Ҳа, ба андозае ин ҳақиқатан ҳамин тавр аст; аммо ин суханонро чунон маънидод намекунем, ки гӯё муқаддас зиста, ҳуқуқи дидани Худовандро ба даст меоварда бошем. Рухсатномаи ягонаи мо ба осмон – Исои Масеҳ аст. Худи ҳамин оят мегӯяд, ки муқаддасии амалӣ бояд тасдиқи он бошад, ки шахс ҳаёти нав ба даст овардааст. Агар касе дар муқаддасӣ афзун нашавад, вай наҷот надорад. Агар дар шахс Рӯҳулқудс зиндагӣ кунад, Ӯ ҳузури Худро бо дуршавӣ аз бадӣ зоҳир мекунад. Ин ҷо принсипи сабаб ва натиҷа амал мекунад: он ҷое ки Масеҳ қабул карда шудааст, дарёҳои оби зинда ҷорӣ мешаванд.

**12,15** Дар ду ояти баъдина, аз афташ, чор гуноҳи муайян нишон дода шудаанд, ки аз онҳо канорагирӣ кардан лозим аст. Аммо дар айни ҳол аз матн равшан бармеояд, ки ин боз як огоҳкунӣ бар зидди гуноҳи муртадӣ мебошад ва ин чор гуноҳ ба он муносибати бевосита доранд.

Муртадӣ – пеш аз ҳама худро аз *файзи Худо* маҳрум кардан аст. Шахс метавонад аз ҷиҳати зоҳирӣ, суханон ва ном масеҳӣ тобад, аммо вай ҳеҷ гоҳ аз олами боло зода нашуда буд. Вай ба Наҷотдиҳанда хеле наздик шуд, аммо ӯро қабул накард; вай ба Ӯ хеле наздик, аммо дар айни ҳол аз Ӯ бениҳоят дур аст.

Муртадӣ *решаи талх* аст. Одам инодкорона аз Худованд рӯ мегардонад ва аз имони масеҳӣ даст мекашад. Исёнкории вай сирояткунанда аст. Аз шиквахо, шубҳаҳо ва рад карданҳои вай дигарон низ *палид* мешаванд.

**12,16** Муртадӣ бо бадахлоқӣ зич алоқаманд аст. Касе ки худро масеҳӣ меномад, ба гуноҳи даҳшатовари фосиқӣ афтида метавонад. Ба ҷои эътироф намудани гуноҳи худ вай дар ҳама чиз Худовандро айбдор мекунад ва аз Ӯ рӯ мегардонад. Оид ба алоқаи муртадӣ бо гуноҳҳои ҷинсӣ дар 2Петрус 2,10.14.18 ва Яҳудо 8.16.18 гуфта мешавад.

Ниҳоят, муртадӣ шакли беимонист, ки намунаи он *Эсав* аст. Ҳаққи нахустзодагӣ барои вай ҳеҷ арзише надошт; вай ба осонӣ онро ба рафъи муваққатии гуруснагӣ иваз намуд.

**12,17** Дертар Эсав афсӯс хӯрд, ки ҳаққи писари калониро ба ҳиссаи дучанди мерос аз даст дод, аммо дер шуда буд. Падари вай баракатро бекор карда наметавонист.

Муртад низ ҳамин тавр. Вай ганҷҳои рӯҳониро на он қадар қадр мекунад. Вай тайёр аст Масеҳро инкор кунад, то ки аз таънаҳо, азобҳо ва ё марги риёзаткашона раҳоӣ ёбад. Агар мо чизеро ба даст оварем ҳам, ҳаргиз тавбаро не, балки фақат таассуфро.

**12,18** Ҳамаи онҳое ки дар назди васвасаи ба шариат бозгаштан истодаанд, бояд ҳодисаҳои даҳшатовареро, ки дар баробари ба исроилиён дода шудани шариат ба амал омада буданд, ба ёд оваранд, ва аз онҳо дарсҳои рӯҳонӣ гиранд. Он вақт ин кӯҳи ҳақиқӣ, *ламсшаванда ва бо оташ афрӯхтаи Сино* буд. Онро пардае, ё ҳиҷобе пӯшонда буд, ки аз паси он ҳама чиз норавшан, хира ва номуайян метофт. Дар доманаи кӯҳ тундбоди даҳшатнок сар шуд.

**12,19** Ба ин офатҳои табиӣ ҳодисаҳои даҳшатовари фавқуттабиӣ илова шуданд. *Садои карнай* баланд шуд, ва чунон *овози* таҳдидомезе ба гӯш расид, ки одамон илтиҷо мекарданд, то он хомӯш шавад.

**12,20** Ҳукмномаи Худо оид ба он ки *агар ҳайвоне низ ба кӯҳ расад, сангсор шавад,*[32] онҳоро аз ҳама гуна хунсардӣ маҳрум кард. Онҳо мефаҳмиданд, ки агар ин ба ҳайвони безабон ва бефаҳм марг меоварда бошад, пас оид ба онҳое ки инро фаҳмиданд, ҳоҷати гап ҳам нест.

**12,21** *Ин манзара он қадар даҳшатангез буд, ки* ҳатто *Мусо тарсону ларзон* шуд. Ҳамаи ин возеҳу равшан оид ба табиат ва хизмати шариат шаҳодат медиҳад. Ин зоҳиршавии талаботи одилонаи Худо ва хашми Ӯ бар зидди гуноҳ аст. Мақсади шариат на додани дониш оид ба наҷот, балки додани ҳисси гуноҳкорӣ аст. Он ба партгоҳи байни Худо ва одам, ки аз боиси гуноҳ кушода шудааст, ишорат мекунад. Ин хизматгузории маҳкумият, торикӣ ва зулмот аст.

**12,22** Масеҳиён на ба даҳшатҳои изтиробовари Сино, балки ба файз, ки аз гармӣ нурпошӣ мекунад, наздик шудаанд:

*Кӯҳи дар оташ сӯхтаистода, ҳиҷоби пурмуаммо*
*Ҳамроҳи даҳшат ва гуноҳи мо гум шуданд;*
*Виҷдон оромӣ ва осудагии ҷовидониро дарк кард,*
*Чунки он ҷо, дар боло, Барра дар тахт нишаст.*

Ҷеймс Г. Дек

Акнун ҳар фарзанди бо Хун харидашудаи Худо гуфта метавонад:

*Инак даҳшатҳои шариат ва Худо*
*бо ман робитае надоранд;*
*Итоаткорӣ ва хуни Наҷотдиҳандаи ман*
*ҳамаи ҷиноятҳои маро пӯшондаанд.*

О. М. Топледӣ

«Моҳиятан мо аллакай ба он ҷое омадаем, ки дар ҳақиқат тамоми абадият он ҷо хоҳем буд. Оянда ба ҳозира дохил шуд. Дар рӯзи ҳозира моояндаро соҳиб ҳастем. Дар замин мо осмонро соҳибӣ мекунем» (Мунтахабот).

Мо на ба кӯҳи ламсшаванда дар замин наздик мешавем. Мо сазовори шарафи ба қудс дар осмон даромадан шудаем. Ба воситаи имон мо бо парастиш, ҳамду сано ва дуо ба Худо наздик мешавем. Мо бо як рӯзе дар як сол маҳдуд нашудаем, балки метавонем ба қудси қудсҳо ҳама вақт бо боварии пурра, ки хуш қабул карда мешавем, дароем. Худо аллакай намегӯяд: «Наздик нашавед». Ӯ мегӯяд: «Натарсида биёед».

Шариат кӯҳи Синои худро дорад, имон бошад *кӯҳи Сиони* худро дорад. Ин кӯҳи осмонӣ рамзи якҷояшавии ҳамаи баракатҳои файз аст – ҳамаи он чи ба шарофати қурбонии наҷотдиҳандаи Масеҳ аз они мо шудааст.

Шариат Уршалими заминии худро дорад, имон бошад шаҳри *осмонӣ* дорад. Ин *шаҳри Худои зинда* аст, шаҳре ки асос дорад, ва Меъмору Бинокори он Худост.

Ҳангоме ки мо ба ҳузури Худо медароем, дар миёнаи ҷамъомади боҳашамат хоҳем буд. Пеш аз ҳама, моро *фариштагони* беҳисоб иҳота мекунанд, ки агарчи бо гуноҳ доғдор нашудаанд, ба суруди мо ҳамроҳ шуда наметавонанд, чунки хурсандиеро, ки аз наҷот бармеояд, дарк накардаанд.

**12,23** Сипас мо ба ҷамъомади *нахустзодагон* медароем, *ки дар афлок навишта шудаанд.* Инҳо аъзоёни *Калисо,* Бадан ва Арӯси Масеҳ мебошанд, ки баъди рӯзи Пантикост мурдаанд ва акнун аз ҳузури Худованд бошуурона ҳаловат мебаранд. Онҳо он рӯзеро интизоранд, ки баданҳои онҳо аз қабр дар шакли ҷалолёфта зинда гардида, бо рӯҳи онҳо якҷоя мешаванд.

Мо бо имон *Довари ҳамаро – Худоро* мебинем. Ӯро дигар торикӣ ва зулмот пинҳон намекунанд; барои нигоҳи имон ҷалоли Ӯ чашмбар аст.

Он ҷо муқаддасони Аҳди Қадим, *рӯҳҳои росткороне ки комил шудаанд,* низ ҳастанд. Онҳо бо имон сафед гардида, дар покии беайб истодаанд, чунки тамоми арзиши кори Масеҳ ба ҳисоби онҳо дохил карда шудааст. Онҳо низ он дақиқаеро интизоранд, ки қабр чизи асрҳо боз дар он нигоҳ дошташударо бозмедиҳад ва онҳо баданҳои ҷалолёфта мегиранд.

**12,24** Он ҷо ҳамчунин *Исо, Миёнарави аҳди нав* ҳаст. Байни Мусо, чун миёнарави Аҳди Қадим, ва Масеҳ, чун *Миёнарави* Аҳди Нав, фарқи зиёд ҳаст. Мусо чун миёнарав танҳо чунин амалеро ба ҷо овард, ки шариатро аз Худо гирифта, ба халқи Исроил дод. Вай чун намояндаи халқ қурбонии тасдиққунандаи аҳдро тақдим намуд.

Масеҳ ба маънои беандоза баландтар *Миёнарави* аҳди нав аст. Пеш аз он ки Худо дар асоси одилона ин аҳдро баста тавонад, мебоист Худованд Исо мемурд. Ӯ мебоист бо хуни Худ ин аҳдро тасдиқ мекард, Худро чун фидия барои бисёриҳо дод (1Тим. 2,6).

Ӯ бо марги Худ барои халқи Худ баракатҳои Аҳди Навро таъмин намуд. Ҳаёти абадии Ӯ барои мо гарави ин баракатҳост. Ӯ бо хизмати Худ дар ямини Худо халқашро барои чашидани ин баракатҳо дар муҳити душманона ҳифз мекунад. Ҳамаи инҳо қисмҳои таркибии кори Миёнаравии Ӯ мебошанд.

Худованд Исо бо ҷароҳатҳои Ҷолҷолто нишон карда шуда, болобардор гардид ва аз дасти рости Худо чун Мир ва Наҷотдиҳанда ҷой гирифт.

*Оҳ чӣ хел дӯст медорам нигаристанро ба Ӯ,*
*Ба Баррае ки бар тахт нишастааст дар баландии само.*
*Ба наздикӣ муқаддасон ҷалоли Ӯро бо ҳам хоҳанд дид,*
*Ва ҳамроҳи Мир ва Фармонраво ҳукмронӣ хоҳанд кард.*

Ҷеймс Г. Дек

Ниҳоят, он ҷо *Хуни пошиданӣ* ҳаст, ки аз хуни Ҳобил *хубтар сухан мегӯяд*. Масеҳ, ба осмон рафта, тамоми арзиши Хуни дар салиб рехтаашро ба Худо пешкаш намуд. Ҳеҷ асосе нест, то чунин ҳисобем, ки Ӯ хуни Худро ба маънои ҳақиқӣ ба осмон овард, аммо дар қудс оид ба ҷиҳатҳои арзандаи хуни Ӯ маълум гардид. Ҷ. Г. Дек ин ҳақиқатро ба шеър гардондааст:

*Хуни гаронбаҳои Ӯ пошида шуд*
*Ба тахт ва ба назди он;*
*Захмҳояш хабар доданд ба тамоми осмонҳо,*
*Ки кори наҷотдиҳӣ ба анҷом расонда шуд.*

*Хуни* гаронбаҳои Ӯ ба хуни *Ҳобил* муқобил гузошта мешавад. Новобаста ба он ки хуни Ҳобил гуфта мо хуни қурбонии вайро мефаҳмем ё хуни худи Ҳобилро, ки онро Қобил рехт, овози хуни Масеҳ хеле меҳрубонтар садо медиҳад. Хуни қурбонии Ҳобил мегуфт: «Муваққатан пӯшонда шудааст», хуни Исо хабар медиҳад: «Абадан бахшида шудааст». Хуни худи Ҳобил фарёд мекард: «Қасос!» Хуни Исо мурочиат мекунад: «Марҳамат, бахшоиш, осоиш».

**12,25** Дар оятҳои хотимавии боби 12 зоҳиршавии Худо дар Сино бо зоҳиршавии Ӯ дар Масеҳ ва ба воситаи Масеҳ муқоиса карда мешавад. Бо имтиёзҳои беҳамто ва ҷалоли имони масеҳӣ сабукфикрона муносибат кардан лозим нест. Худо мегӯяд, даъват менамояд, моил мекунад. Ӯро рад кардан маънои ҳалок шуданро дорад.

Ҳамаи онҳое ки ба овози Худо, ки ба воситаи шариат садо медод, гӯш наандохтанд, ҷазои муносиб диданд. Имтиёзҳо ҳар қадар зиёдтар бошанд, масъулият ҳамон қадар зиёд мешавад. Худо ба одамон дар Масеҳ зоҳиршавии пурратарин ва хотимавиро дод. Гуноҳи радкунандагони овози Ӯ, ки имрӯзҳо аз *осмон,* дар Хушхабар, *сухан* мегӯяд, аз гуноҳи онҳое ки шариатро вайрон кардаанд, чандин маротиба вазнинтар аст. *Аз ҷазо раҳо шудан* имкон надорад.

**12,26** Дар Сино овози Худо боиси заминларза шуд. Аммо ҳангоме ки Ӯ дар оянда сухан мегӯяд, овози Ӯ осмонро ба ларза меоварад. Пайғамбар Ҳаҷҷай маҳз ҳаминро пешгӯӣ карда буд: «... боз як бори дигар, он ҳам баъд аз андак вақт, воқеъ хоҳад шуд, ва Ман осмон ва замин ва баҳр ва хушкиро ба ларза меандозам» (Ҳаҷ. 2,6).

Ин ба ларза омадани фавқулода дар давраи байни ба осмон гирифта шудан ва охири Подшоҳии Масеҳ воқеъ мешавад. То омадани Масеҳ барои барпо намудани Подшоҳии Худ осмон ва замин аз силсилаи офатҳои табиӣ ба ларза меоянд. Сайёраҳо аз мадорҳои худ берун мешаванд, ки ин дар навбати худ боиси тӯфонҳои азим дар уқёнусҳо мегардад ва баҳрро аз соҳилҳояш берун меорад. Сипас, баъди анҷомёбии Подшоҳии Ҳазорсолаи Масеҳ, гармии даҳшатовар замин, осмон ва коинотро нобуд мекунад (2Пет. 3,10-12).

**12,27** *«Боз як бори дигар»* гуфта, Худо нобудшавии пурра ва ниҳоии осмон ва заминро пешгӯӣ мекард. Ин ҳодиса асотирро дар бораи воқеӣ будани танҳо он чизҳое ки дида, ламс карда ва идора карда метавонем, ва ғайривоқеӣ будани ҳар он чи дида наметавонем, ба хок яксон хоҳад кард. Ҳангоме ки ҷунбиданҳо ва ларзиданҳо ба анҷом мерасанд, танҳо он чизе боқӣ мемонад, ки ҳақиқатан воқеӣ буд.

**12,28** Ҳамаи иштиёқмандони маросимҳои ламсшаванда, дидашавандаи яҳудият ба чизҳое часпида буданд, ки ба ларза хоҳанд афтод. Масеҳиёни ҳақиқӣ бошанд *подшоҳиеро* доранд, *ки ба ларза намеафтад*. Ин бояд моро ба парастиш ва ваҷди ниҳоят боэҳтимом рӯҳбаланд кунад. Мо бояд Ӯро беист *ба тарзи писандида бо эҳтиром ва тарс* ҳамду сано гӯем.

**12,29** *Худо* барои ҳамаи онҳое ки ба Ӯ гӯш андохтан намехоҳанд, *оташи фурӯбаранда аст*. Аммо ҳатто барои халқи Худо қудсият ва росткории Ӯ чунон бузурганд, ки бояд дар дилҳои мо эҳтироми амиқ ва иззату икромро ба вуҷуд оваранд.

## Г. Насиҳат оид ба некӯкориҳои гуногуни масеҳиёна (13,1-17)

**13,1** Қисми амалии Нома ба Ибриёнро шаш насиҳат оид ба некӯкориҳое давом медиҳанд, ки дар худ ҳаматарафа инкишоф додан лозим аст. Аввалини онҳо *бародардӯстӣ* аст. Ба ҳар як масеҳии ҳақиқӣ мо бояд чун ба узви оилаи худ муносибат кунем; ин хешутаборӣ бояд дар суханҳо ва амалҳои меҳрубонона ифода ёбанд (1Юҳ. 3,18).

**13,2** Муаллиф хонандагонро даъват мекунад, ки ба ғарибон *меҳмоннавозӣ* кунанд. Ин пеш аз ҳама ба масеҳиёне дахл дошта

метавонист, ки аз таъқибот гурехта буданд ва ба ҷои хоб ва хӯрок эҳтиёҷи зиёд доштанд. Қабул кардани онҳо маънои ба хатар гирифтор кардани худро дошт. Ин оятро чун даъват ба меҳмоннавозӣ нисбати ҳар як масеҳие ки ба он эҳтиёҷ дорад, қабул кардан мумкин аст.

Дар айни ҳол имконияте ҳаст, ки бо чунин рафтор мо худамон нафаҳмида, *фариштагонро* меҳмоннавозӣ мекунем! Ин ҷо, албатта, воқеае дар назар дошта мешавад, ки бо Иброҳим рӯй дод, ҳангоме дар меҳмонии вай се шахс буданд, ки дар асл фариштагон буданд (Ҳас. 18,1-15).[33] Ҳатто агар ба остонаи хонаи мо ҳеҷ гоҳ фариштагон қадам нагузоранд ҳам, мардону заноне омада метавонанд, ки худи ҳузурашон аллакай баракат аст, ва таъсири судманди онҳо ба оилаи мо барои тамоми абадият натиҷаҳо дода метавонад.

**13,3** Насиҳати сеюм – ғамхорӣ оид ба масеҳиёне ки дар маҳбас мебошанд. Ин бо тамоми аниқӣ ба онҳое дахл дорад, ки барои шаҳодат оид ба Масеҳ ба маҳбас партофта шудаанд. Ба онҳо хӯрок, либоси ғафс, чизе барои хондан ва дилбардорӣ лозим хоҳанд буд. Масеҳиён дар озодӣ ба васвасаи сахте дучор мешаванд, ки худро аз *бандиён* дур гиранд, то одамон гумонбар нашаванд, ки онҳо шариканд. Масеҳиён бояд дар *ёд* дошта бошанд, ки ба дидорбинии *бандиён* рафта, онҳо Масеҳро дидорбинӣ мекунанд.

Онҳо ҳамчунин бояд ба *ситамкашон* ҳамдардӣ зоҳир намоянд. Бешубҳа, ситамкашон гуфта ҳамчунин масеҳиёни гирифтори таъқибот дар назар дошта шудаанд. Хонандагон бояд ба васвасаи канораҷӯӣ аз хатаре ки барои ҳамдардӣ ба таъқибшавандагон ба сарашон омада метавонад, қатъиян муқобилат кунанд. Барои худ мо метавонем соҳаи истифодаи амалии онро васеъ карда, оид ба ҳамдардӣ ба ҳамаи муқаддасони азобкашанда гӯем. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки худамон низ дар *бадан мебошем,* ва аз ин рӯ ба ҳамон азобҳо гирифтор шуда метавонем.

**13,4** *Заношӯиро* ҳама бояд эҳтиром кунанд. Мо набояд фаромӯш кунем, ки онро Худо то ба ҷаҳон ворид шудани гуноҳ муқаррар карда буд ва он иродаи муқаддаси Ӯ барои инсоният аст. Ба он чун ба як чизи нопок муносибат карданро, чунон ки гӯшанишинон мекунанд ё оид ба он ҳазлҳо карданро, чунон ки баъзан масеҳиён мекунанд, Навиштаҳо манъ мекунанд.

Онҳое ки дар никоҳ ҳастанд, бояд ба ваъдаҳои ҳамсарии худ вафодор бошанд, то ки *ҷойхоби* никоҳашон *беайб* бошад. Бар хилофи сабукфикрии худпарастонае ки имрӯзҳо дар ин соҳа васеъ паҳн шудааст, ин факт ҳақиқат аст: ҳама гуна алоқаҳои ҷинсии берун аз никоҳ гуноҳ аст. Хиёнати ҳамсарӣ на беморӣ, балки гуноҳ аст. Ва ин гуноҳро Худо ҳатман *доварӣ мекунад.* Ягон шакли бадахлоқӣ аз доварии Ӯ пинҳон шуда наметавонад. Вай аллакай дар ин ҷаҳон онро ба воситаи бемориҳои ҷисмонӣ, вайрон шудани оилаҳо, бемориҳои асаб ва пастравии шахсият доварӣ мекунад. Агар одам дар хуни Масеҳ бахшоиш пайдо накунад, Ӯ вайро бо оташи абадӣ доварӣ мекунад.

Барои он ки дар ин хусус ба подшоҳи фосиқ Ҳенрии VIII ёдрас намояд, усқуфи ислоҳотчӣ Латимер усулеро интихоб кард, ки таъсирбахш буд, аммо мардонагии зиёдеро талаб мекард. Вай ба подшоҳ Навиштаи Муқаддасро тухфа кард, ки ба ҷилди бо санъати нозук сохташуда андохта шуда буд. Дар муқова чунин суханон навишта шуда буданд: «Фосиқон ва зинокоронро Худо доварӣ мекунад».

**13,5** Некӯкории сеюм, ки дар худ инкишоф додан лозим аст, – қаноатмандист. Ба ёд оваред, ки пайравони яҳудият чиро доимо такрор мекарданд; «Мо хаймаи ҷомеъ дорем. Мо коҳинӣ дорем. Мо қурбониовариҳо дорем. Мо маросимҳои зебо дорем. Шумо чӣ доред?» Ин ҷо муаллиф ба масеҳиён оромона мегӯяд: «*Рафторатон аз пулпарастӣ дур бошад, ва бо он чи доред, қаноат кунед*». Албатта! Ҳамаи он чи масеҳӣ дорад, аз чизҳои беҳтарини яҳудият хеле афзунтар аст. Пас чаро вай қаноатманд набошад? Вай Масеҳро дорад, ва ин кофист.

*Пулпарастӣ* метавонад дар роҳи масеҳӣ монеаи азиме шавад. Чунон ки агар тангаи хурдро бевосита дар пеши чашм нигоҳ дорем, офтобро панаҳ мекунад, *пулпарастӣ* низ мушоракатро бо Худо вайрон мекунад ва ба инкишофи рӯҳонӣ монеа мегузорад.

Ганҷинаи бузургтаринро касе дорад, ки Ӯро дорад. Ӯ ваъда кардааст: «*Туро тарк намекунам ва туро намепартоям*». Дар забони юнонӣ барои тақвияти инкор якчанд ҳиссачаҳои инкорӣ истифода мешаванд. Дар ин оят ваъдаи зикршуда махсусан боварибахш садо медиҳад: дар он панҷ инкор ҷамъ оварда

шудааст, то таъкид карда шавад, ки мансубони Худро тарк кардани Масеҳ ғайриимкон аст!

**13,6** Суханони Забур 117,6 эътирофи боварииноки касест, ки Масеҳро дорад: *«Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд: одамизод бо ман чӣ карда метавонад?»* Дар Масеҳ мо бехатарии комил, ҳимояи комил ва осоиши комилро ба даст овардаем.

**13,7** Муаллиф ба хонандагон насиҳат мекунад, ки *роҳбарони худро,* муаллимонро, *ки каломи Худоро* ба онҳо *гуфтаанд, ба ёд* оваранд. *Анҷоми рафтори онҳо* чӣ гуна буд? Онҳо ба низоми левизодагон барнагаштанд, балки то охир дар имони худ устувор монданд. Шояд, баъзе аз онҳо ба хотири Масеҳ бо марги риёзаткашона мурданд. Маҳз ба *имони* онҳо *тақлид намудан* лозим аст, ба имоне ки Масеҳ ва таълимоти масеҳиро устуворона пайравӣ мекунад, имоне ки ба Худо имкон медиҳад, то ҳар дақиқаи ҳаётро идора кунад. Худо ҳамаи моро ба айни ҳамон хизмат даъват намекунад, аммо ҳамаи моро ба ҳаёти имондорона даъват мекунад.

**13,8** Он қадар аниқ нест, ки ин оят бо ояти пешина чӣ робита дорад. Шояд, осонтар мебуд онро чун натиҷагирии кӯтоҳи таълимот, мақсад ва имони ин устодон фаҳмем. Моҳияти тамоми таълимоти онҳо ин аст: *«Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва то абад ҳамон аст».* Асоси имони онҳо *Исо* буд, ки *Масеҳ* аст, ки *дирӯз ва имрӯз ва то абад ҳамон аст.*

**13,9** Сипас огоҳкунӣ оид ба хатари таълимоти дурӯғини шариатпарастӣ меояд. Шариатпарастон исрор мекарданд, ки муқаддасӣ бо чизҳои берунӣ, ба монанди парастиши маросимӣ ё хӯроки пок, робита дорад. Аммо ҳақиқат дар он аст, ки муқаддасӣ самари *файз* аст, на самари шариат. Қонунҳо оид ба хӯроки пок ва нопок барои покии маросимӣ дода шуда буданд. Аммо ин бо муқаддасии дохилӣ як нест. Одам метавонад покии маросимиро нигоҳ дорад, аммо бо вуҷуди ин пур аз бадбинӣ ва риёкорӣ бошад. Танҳо файзи Худо метавонад ба масеҳиён барои ҳаёти муқаддас илҳом бахшад ва қувват диҳад. Дӯст доштани Наҷотдиҳанда, ки барои гуноҳҳои мо мурдааст, моро водор мекунад, ки «дар давраи ҳозира андешамандона, росткорона ва худотарсона зиндагӣ кунем» (Тит. 2,12). Дар ниҳояти кор, қоидаҳои беохир оид ба хӯрокӣ ва нӯшокӣ ба пайравони он ягон манфиате наоварданд.

**13,10** Ба тантанае ки дар суханони *«мо қурбонгоҳе дорем»* садо медиҳад, аҳамият диҳед. Ин ҷавоби боварииноки масеҳӣ ба истеҳзоҳои доимии шариатпарастон мебошад. *Қурбонгоҳи* мо Масеҳ аст, ва аз ин рӯ ҳамаи баракатҳоеро дар бар мегирад, ки дар Ӯ ниҳонанд. Вобастагони низоми левизодагон *ҳақ надоранд* дар баракатҳои масеҳият иштирок кунанд. Аввал онҳо бояд аз гуноҳҳои худ тавба кунанд ва ба Исои Масеҳ чун ба Худованд ва Наҷотдиҳандаи ягона бовар кунанд.

**13,11** Мувофиқи қонун оид ба қурбониоварӣ *ҳайвонҳои* муайян кушта мешуданд, ва *хунашонро саркоҳин* чун қурбонӣ *ба хотири гуноҳ ба макони муқаддас меоварад. Ҷасадҳои* ин *ҳайвонотро* ба беруни хаймаи ҷомеъ бурда, дар он ҷо месӯзонданд. *«Берун аз бошишгоҳ»* – яъне берун аз деворе ки ҳавлии хаймаи ҷомеъро иҳота кардааст.

**13,12** Ҳайвоноте ки берун аз бошишгоҳ сӯзонда мешуданд, тимсоли Худованд *Исо* буданд. *Ӯ берун аз дарвозаи* шаҳр маслуб карда шуд. *Ӯ одамонро бо Хуни Худ* берун аз бошишгоҳи яҳудияти муназзам *муқаддас гардонд.*

**13,13** Хонандагони аввалини нома мебоист аз ин оид ба зарурати пурра кандани робита бо яҳудият хулоса мебароварданд. Онҳо бояд аз қурбониовариҳои парастишгоҳ қатъиян рӯ гардонда, кори анҷомдодаи Масеҳро чун қурбонии сазовортарин қабул мекарданд.

Мо низ бояд ҳамин гуна хулоса барорем: имрӯз *бошишгоҳ* тамоми низоми диниест, ки оид ба наҷот ба воситаи корҳо, хислати нек, маросимҳо ва ё фаризаҳо таълим медиҳад. Ин низоми ҳозираи калисоӣ бо коҳинони аз тарафи одамон даст гузошташуда, ҳар гуна «воситаҳои ёридиҳанда»-и моддӣ барои парастиш ва домҳои маросимӣ аст. Ин масеҳияти фосидшуда, калисо бе Масеҳ аст. Исо аз ин бошишгоҳ берун аст, ва мо бояд *хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем.*

**13,14** Уршалим ба дили ҳамаи онҳое ки дар парастишгоҳ хизматгузорӣ мекарданд, азиз буд. Он маркази ҷуғрофии «бошишгоҳ»-и онҳо буд. Масеҳӣ дар замин ин гуна *шаҳр надорад;* дили вай ба сӯи шаҳри осмонӣ майл мекунад, Уршалими наве ки он ҷо ҳама чиз бо ҷалоли Барра партавфишон аст.

**13,15** Дар Аҳди Нав ҳамаи масеҳиён коҳинонанд. Онҳо коҳинони муқаддасанд, ки ба қудси Худо барои парастиш медароянд (1Пет.

2,5), онҳо коҳинии шоҳонаанд, ки ба ҷаҳон барои шаҳодат додан мебароянд (1Пет. 2,9). Масеҳӣ-коҳин камаш се қурбонӣ меоварад: Аввалан, вай худашро қурбонӣ меоварад (Рум. 12,1). Сонияи, дар ояти 15 қурбонии дуюми вай зикр шудааст; *қурбонии ҳамду сано*. Он ба *Худо* ба воситаи Худованд Исо оварда мешавад. Ҳамаи дуоҳо ва ҳамду саноҳои мо пеш аз он ки ба Худо Падар расанд, *ба воситаи* Исо мегузаранд; Саркоҳини бузурги мо онҳоро аз ҳама гуна нопокӣ ва нокомилӣ пок менамояд ва ба онҳо некӯкории Худро илова мекунад.

*Ба ҳама ҳамду саноҳои мо*
*Масеҳ накҳати Худро илова мекунад;*
*Он дар бухурдони муҳаббат сӯхта,*
*Бо бӯи хуш осмонро фаро мегирад.*

Мэрӣ Б. Петерс

*Қурбонии шукрона самари лабҳост, ки номи Ӯро* эътироф мекунанд. Худо танҳо он суханони парастишро мешунавад, ки аз лабҳои наҷотёфта берун меоянд.

**13,16** Қурбонии сеюм – хайрот кардан аз дороии мост. Воситаҳои моддии худро мо бояд барои *саховат* истифода бурда, бо муҳтоҷон бо ҳам бинем. *Ин гуна* ҳаёти қурбониоваранда ба Худо *писанд меояд*. Он тазодест бо молпарастӣ, ки барои худ молу мулк ҷамъ мекунад.

*Қатори коҳинони Худо ҳеҷ гоҳ тамом намешавад;*
*Онҳо пеши назари Худо истода , шабу рӯз ба Ӯ хизмат мекунанд.*
*Бигзор ақл худситоӣ кунад ва беимонӣ чун дарёи азим ҷорӣ шавад,*
*Коҳинони Худо ҳамеша хоҳанд буд, то даме ки анҷом фаро расад.*
*Халқи баргузидаи Ӯ, мероси Ӯ, пур аз рашки пок,*
*Дар суханони муҳаббати оташини худ дилро ба дили Худо боло мебардорад.*
*Тамоми парастишгоҳи Ӯ пур аст аз накҳати дуоҳои онҳо;*
*Ва дар ҳама ҷо суруди ҳамду санои онҳо ба осмон шодӣ бахшида, садо медиҳад.*

Герҳард Терстиген

**13,17** Дар оятҳои 7 ва 8 оид ба зарурати дар ёд доштани устодони собиқи худ сухан мерафт. Акнун бошад ба хонандагон оид ба итоат ба *сардорон,* ё устодони ҳозираашон ёдрас карда мешавад. Шояд, ин ҷо пеш аз ҳама сардорони калисои маҳаллӣ дар назар дошта шудаанд. Ин одамон чун намояндагони Худо дар ҷамоат амал мекунанд. Ба онҳо қудрат дода шуда буд, ва масеҳиён мебоист ба ин қудрат *мутеъ* бошанд. Чун ёрдамчиёни чӯпон, усқуфон дар ҳаққи *ҷонҳои* рама ғамхорӣ мекунанд. Ягон вақт лозим меояд, ки онҳо ба Худо *ҳисобот диҳанд*. Онҳо ин корро, вобаста ба инкишофи рӯҳонии шахсоне ки таҳти васояташон ҳастанд, ё хурсандона ва ё ғамгинона хоҳанд кард. Агар ин корро ғамгинона карданашон лозим ояд, муқаддасони дахлдор мукофоти худро аз даст медиҳанд. Бинобар ин эҳтиром ба сардороне ки Худо додааст, ба нафъи ҳама ва ҳар кас аст.

## IV. БАРАКАТХОҲИИ ХОТИМАВӢ (13,18-25)

**13,18** Ба охири мактуби худ наздик шуда, муаллиф ба хонандагон бо хоҳиши шахсӣ оид ба дастгирии дуоӣ муроҷиат мекунад. Аз ин оят хулоса баровардан мумкин аст, ки вай дучори ҳуҷумҳои сахт аз тарафи мунаққидон аст. Пай бурдан душвор нест, ки вайро киҳо танқид мекунанд – онҳое ки одамонро маҷбур мекарданд, то ба парастиши Аҳди Қадим бозгарданд. Ӯ кушоду равшан изҳор менамояд, ки бо вуҷуди ҳамаи айбдоркуниҳо *виҷдони* вай пок аст, ва мақсадҳояш самимӣ мебошанд.

**13,19** Ҳамчунин барои вай оид ба он дуо кардан лозим буд, ки *зудтар ба назди* онҳо *баргардонда* шавад. Шояд, ин ҷо аз ҳабс озод шудан дар назар дошта шудааст; аммо оид ба ин танҳо тахмин кардан мумкин аст.

**13,20** Сипас муаллиф яке аз беҳтарин баракатхоҳиҳои Навиштаи Муқаддасро меорад, ки дар як қатор бо чунин ҷойҳо меистад: Ададҳо 6,24-26; 2Қуринтиён 3,14 ва Яҳудо 24.25. Он ба *Худои осоиш* равона карда шудааст. Чунон ки зикр шуда буд, муқаддасони Аҳди Қадим ҳеҷ гоҳ осоишеро, ки онро виҷдони пок медиҳад, надоштанд. Дар Аҳди Нав бошад мо осоишро бо Худо (Рум. 5,1) ва осоиши Худоро (Фил. 4,7) пайдо намудем. Сипас дар оят фаҳмонда мешавад, ки ин ҷаҳон самари кори Масеҳ, аст. Худо *Худованд Исоро аз мурдагон* чун рамзи он зинда кард, ки амалиёти Ӯ дар салиб ин масъаларо барои ҳамеша ҳал кард.

Масеҳ, чун Шубони нек, ҳаёти Худро барои барраҳои Худ дод (Юҳ. 10,11). Чун *Чӯпони Бузург* Ӯ аз мурдагон зинда шуда, наҷотро ба анҷом расонд (Ибр. 13,20). Дар Забур 21 мо дар бораи Ӯ чун оид ба Шубони нек мехонем, дар Забур 22 – чун оид ба Шубони бузург ва дар Забур 23 – чун оид ба Шубони асосӣ.

Ӯ мувофиқи аҳди абадӣ *аз мурдагон ба по хезонда шуд*. Вуст ин ин ибораро чунин маънидод мекунад:

*Аҳди нав, бар хилофи Аҳди якуми гузаранда, ҷовидон номида шудааст. Масеҳ, ки барои инсонияти гуноҳкор мурдааст, маҳз дар соҳаи амали аҳди ҷовидон аз миёни мурдагон гирифта шуда буд. Агар Ӯ аз мурдагон зинда намешуд, аз рӯи мартабаи Малкисадақ Саркоҳин шуда наметавонист. Барои ба гуноҳкори имондор додани ҳаёт Саркоҳини зинда даркор аст, на коҳини мурда, ки фақат барои гуноҳҳои худ муздро пардохтааст. Ҳамин тариқ, қисми ҷудоинопазири Аҳди Нав он буд, ки Саркоҳине ки Худро қурбон кард, аз мурдагон зинда мешавад.*[34]

**13,21** Дуое ки дар ояти 20 сар шуда буд, бо хоҳиши *дар ҳар кори нек барои иҷрои хости* Худо *комил гардондани* муқаддасон давом меёбад. Ин ҷо мо бо омезиши аҷиби ҷиҳати илоҳӣ ва инсонӣ вомехӯрем. Худо моро *дар ҳар кори нек* комил мегардонад. Худо *дар мо он чи ба Ӯ писандида бошад,* ба амал меоварад. Ӯ инро *ба воситаи Исои Масеҳ* мекунад. Он гоҳ мо хости Ӯро ба амал меорем. Дигар хел карда гӯем, Ӯ ба дилҳои мо ин хоҳишро ворид месозад, Ӯ барои иҷрои он ба мо қувват медиҳад; баъд мо инро мекунем, ва Ӯ ба мо мукофот медиҳад.

Дуо бо эътирофи он ба анҷом мерасад, ки Исо *то абад* сазовори *ҷалол* аст.

*Ту сазовори ҳамду сано ва ҷалол ҳастӣ,*
*Сазовори муҳаббати ҳамагонӣ ҳастӣ,*
*Ин суруди осмонҳо анҷом нахоҳад дошт:*
*Ту сазовор ҳастӣ, Худованд, танҳо Ту сазовор ҳастӣ.*

Ф. Т. Вигрэм

**13,22** Акнун муаллиф аз хонандагонаш хоҳиш мекунад, ки *насиҳати* ин номаро қабул кунанд, яъне дини маросимҳоро тарк кунанд ва садоқат ба Масеҳро нигоҳ доранд.

Вай номаи худро кӯтоҳ меномад, ва он ҳақиқатан кӯтоҳ аст, агар ба назар гирем, ки вай оид ба низоми левизодагон ва иҷро шудани он дар Масеҳ чизҳои зиёде гуфта метавонист.

**13,23** Зикри *озод шудани бародар Тимотиюс* бисёриҳоро дар он ақида устувор мегардонад, ки мактубро Павлус навиштааст. Боз як шаҳодат ба фоидаи ин ақида он аст, ки муаллиф ният дорад бо Тимотиюс сафар кунад. Аммо инро бо боварии комил гуфтан имкон надорад, бинобар ин беҳтараш ин масъаларо кушода гузорем.

**13,24** Муаллиф ба ҳамаи сардорони масеҳӣ ва *ҳамаи муқаддасон* дуруд мерасонад. Намунаҳои зиёди боэҳтиромии масеҳиёнаро дар номаҳо набояд сарфи назар кунем; мо бояд ҳаматарафа ба онҳо пайравӣ намоем.

Дар назди муаллиф якчанд масеҳиён аз *Италия* буданд, ва онҳо низ саломҳои худро расонданӣ буданд. Ин ба фикре водор мекунад, ки нома ё ба он ҷо, ё аз он ҷо навишта шуда буд.

**13,25** Оҳанги файз: *«Файз бо ҳамаи шумо бод»*, ки ин китоби Аҳди Нав бо он анҷом меёбад, бо муҳити умумии он ҳамоҳангии комил дорад. Аҳди Нав аҳди файз аст, ки ройгон дода мешавад, аҳдест, ки ҳеҷ гуна шарт намегузорад, ҳусни таваҷҷуҳи номаҳдуди Худоро ба гуноҳкорони нолоиқ ба воситаи қурбонии Худованд Исо эълон мекунад. *Омин.*

---

## ПАЁМИ НОМА БА ИБРИЁН БАРОИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Оё Нома ба Ибриён ба мо, ки дар асри бистум зиндагӣ мекунем, чизе гуфта метавонад?

Агарчи имрӯзҳо яҳудият на он дини бартаридошта аст, ки дар ибтидои масеҳият буд, масеҳият бо рӯҳи шариатпарастии он фаро гирифта шудааст. Доктор Ч. И. Скоуфилд дар брошюраи худ «Касе ки сухани ҳақиқатро дуруст таълим медиҳад» менависад:

*Бо боварии пурра гуфтан мумкин аст, ки шариатпарастии яҳудият ба Калисо даромада, бештар аз ҳамаи омилҳои дигар ба рушди он халал мерасонд, вазифаи онро таҳриф менамуд ва рӯҳонияти онро вайрон мекард. Ба ҷои бо роҳи ба он нишон додашудаи ҷудошавӣ аз ҷаҳон рафтан ва ба Худованд дар даъвати осмонии худ пайравӣ намудан он Навиштаҳои яҳудиро ба кор бурд, то мақсади худро, ки фақат аз маданиятнок кунондани ҷаҳон, ҷамъ овардани сарват, истифодаи маросимҳо ва*

*расму русуми таъсирбахш, сохтани ибодатхонаҳои боҳашамат ... ва ҷудо кардани бародарии баробарҳуқуқ ба «рӯҳониён» ва «аҳли ҷамоат» иборат аст, сафед кунад.*[35]

Нома ба Ибриён моро даъват мекунад, то аз ҳама гуна низомҳои диние ки Масеҳро Худованд ва Наҷотдиҳандаи ягона намеҳисобанд, ва дар онҳо кори Ӯ чун қурбонӣ барои гуноҳ, ки як бор ва барои ҳамеша оварда шудааст, эътироф карда намешавад, қатъиян дур шавем.

Нома ба Ибриён моро таълим медиҳад, ки ҳамаи сояҳо ва рамзҳои низоми Аҳди Қадим дар Худованди мо иҷро шудаанд. Ӯ Саркоҳини бузурги мост. Ӯ Қурбонии мост. Ӯ Қурбонгоҳи мост. Ӯ дар қудси осмонӣ хизматгузорӣ мекунад, ва коҳинии Ӯ анҷом нахоҳад дошт.

Он таълим медиҳад, ки ҳамаи масеҳиён коҳинонанд, ва онҳо доимо ба ҳузури Худо бо имон дохил шуда метавонанд. Онҳо худашонро, ҳамду санои худро ва моликияти худро ба қурбонӣ меоваранд.

Дэвид Бэрон менависад:

Б*а Калисои масеҳӣ ворид намудани модели коҳинии левизодагон, чунон ки инро тарафдорони маросимнокӣ мекунанд, кӯшиши бо дастони аз гуноҳ нопокшуда аз нав дӯхтани пардаест, ки Худои пурбаракат ва оштишуда бо дастони Худ ду пора кардааст. Ин монанди он аст, ки онҳо ба касоне ки «бо Хуни Масеҳ наздик шудаанд», гӯянд: «Дур истед, ҷуръат накунед, ки ба Худо наздик шавед».*

Нома ба Ибриён таълим медиҳад, ки мо аҳди беҳтар, Миёнарави беҳтар, умеди беҳтар, ваъдаҳои беҳтар, ватани беҳтар, коҳинии беҳтар, моликияти беҳтар дорем – ҳамаи ин аз ҳама чизҳои беҳтарине ки яҳудият пешниҳод карда метавонад, беҳтар аст. Он ба мо боварӣ ато мекунад, ки мо наҷот ва озодии абадӣ, аҳди абадӣ ва мероси абадӣ дорем.

Он бо тамоми ҷиддият бар зидди гуноҳи муртадӣ огоҳӣ медиҳад. Агар касе масеҳӣ будани худро изҳор намуда, ба ҷамоати масеҳӣ ҳамроҳ шавад, ва баъд аз Масеҳ рӯ гардонда, ба тарафи душманони Худованд гузарад, вайро дигар бо тавба нав кардан имкон надорад.

Нома ба Ибриён масеҳиёни ҳақиқиро даъват мекунад, ки на бо биноӣ, балки бо имон қадамгузор бошанд, чунки маҳз ҳамин гуна ҳаёт ба Масеҳ писанд меояд. Он ҳамчунин моро даъват мекунад, ки азобҳо, санҷишҳо ва таъқиботро устуворона паси сар кунем, то ки баъд мукофоти ваъдашударо гирем.

Ин нома таълим медиҳад, ки дар баробари имтиёзҳои бешумор масеҳиён уҳдадории махсусе низ доранд. Ба шарофати бартарии Масеҳ онҳо одамони имтиёзноктарини замин шуданд. Агар онҳо ин имтиёзҳоро сарфи назар кунанд, дар назди Курсии Доварии Масеҳ мувофиқан ба талафот дучор хоҳанд шуд. Аз онҳо назар ба онҳое ки таҳти шариат зиндагӣ мекунанд, чизи бештареро интизоранд; аз онҳо мувофиқан бештар талаб карда хоҳад шуд.

Бинобар ин «хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем» (13,13).

---

# Тавзеҳот

1. (3,6) Дар матни интиқодии юнонӣ (НА) калимаҳои «боматонат» ва «то ба охир» партофта шудаанд.
2. (3,18) Arthur T. Pierson, маълумоти пурратаре нест.
3. (4,15) Моҳияти таълимотро оид ба он ки Масеҳ гуноҳ карда метавонист ё не, илоҳиётшиносон бо ёрии ду ифодаи лотинӣ ифода мекунанд: *«non posse peccare»* гуноҳ кардан ғайриимкон аст ва *«posse non peccare»* гуноҳ накардан имконпазир аст. Таълимоти ҳақиқӣ *«non posse peccare»* аст: Ӯ гуноҳ карда наметавонист.
4. (4,16) G. Campbell Morgan, *Choice Gleanings Calendar*, маълумоти дигар нест.
5. (6,2) Дар нусхаи асл ду калимаи гуногун истифода шудаанд: барои ифода намудани мафҳуми «таъмиди масеҳӣ» одатан калимаи «баптизма» гирифта мешавад; аммо дар ин ҷо «баптизмой» истодааст – таҳорати маросимӣ.
6. (6,3) Дар бисёрии матнҳо: «Биёед инро бикунем ...»
7. (6,20) D. Anderson-Berry, *Pictures in the Acts,* саҳ. 36 ва ғ.
8. (7,20) A. W. Rainsbury, *Able to Save to the Uttermost, The Keswick Week,* 1958, саҳ. 78.
9. (7,21) George Henderson, *Studies in the Epistle to the Hebrews,* саҳ. 86.
10. (8,6) W. H. Griffith Thomas, *Hebrews: A Devotional Commentary,* саҳ. 103.
11. (8,8) Henderson, *Hebrews,* саҳ. 92.
12. (9,4) Калимаи «тумиатерион» маънои чиз ё ҷои сӯзондани ҳазориспандро дорад.
13. (9,11) Дар матни интиқодии юнонӣ «ки омаданд» навишта шудааст.
14. (9,13) J. Gregory Mantle, *Better Things,* саҳ. 109.
15. (9,15) Kenneth S. Wuest, *Hebrews in the Greek New Testament,* саҳ. 162-163.
16. (10,10) George M. Landis, *Epistle to the Hebrews: On to Maturity,* саҳ.116.
17. (10,11) Alexander Balmain Bruce, *The Epistle to the Hebrews: The First Apology for Christianity,* саҳ. 34.
18. (10,37) Marvin Vincent, *Word Studies in the New Testament,* ч. 2, саҳ. 1150.
19. (10,37) A. J. Pollock, *Modernism Versus the Bible,* саҳ. 19.
20. (10,38) Дар матни интиқодии юнонӣ «одили ман» навишта шудааст.
21. (11,21) C. H. Mackintosh, Genesis to Deuteronomy: Notes on the Pentateuch, саҳ. 133.
22. (11,22) William Lincoln, *Lectures on the Epistle to the Hebrews,* саҳ. 106.
23. (11,35) G. H. Morrison, *Morrison on Luke, The Glasgow Pulpit Series,* ч. 1, саҳ. 42.
24. (11,37) William G. Moorehead, *Outline Studies in the New Testament. Philippians to Hebrews,* саҳ. 248.
25. (12,2) A. B. Bruce, *Hebrews,* саҳ. 415-416.
26. (12,10) J. H. Jowett, *Life in the Heights,* саҳ. 247-248.
27. (12,11) Leslie Weatherhead, *Prescription for Anxiety,* саҳ. 32.
28. (12,11) C. H. Spurgeon, *Choice Gleanings Calendar.*
29. (12,13) George Williams, *The Student's Commentary on the Holy Scriptures,* саҳ. 989.
30. (12,13) G. H. Lang, *The Epistle to the Hebrews,* саҳ. 240-241.
31. (12,14) Wuest, *Hebrews,* саҳ. 222.
32. (12,20) Суханони *«ё тирборон хоҳад шуд»* дар аксари дастнависҳо, бо зимни нусхаҳои қадимтарин, нестанд. Шояд, онҳо дертар ҳамроҳ карда шудаанд.
33. (13,2) Тахмин мекунанд, ки яке аз ин се нафар Фариштаи Худованд буд, яъне Масеҳ то таҷассуми Худ.
34. (13,20) Wuest, *Hebrews,* саҳ. 242.
35. (Руҷуъ) C. I. Scofield, *Rightly Dividing the Word of Truth,* саҳ. 17.
36. (Руҷуъ) David Baron, *The New Order of Priesthood,* саҳ. 39-40.

# Рӯйхати адабиёт


Bruce, Alexander Balmain.
*The Epistle to the Hebrews: The First Apology for Christianity.*
Edinburgh: T. & T. Clark, 1908.

Govett, Robert.
*Christ Superior to Angels, Moses and Aaron.*
London: J. Nisbet, 1884.

Henderson, G. D.
*Studies in the Epistle to the Hebrews.*
Barkingside, England: G. F. Vallance, сол номаълум.

Hewitt, Thomas.
*The Epistle to the Hebrews.*
TBC, Grand Rapids: Eerdmans, 1960.

Ironside, H. A.
*Hebrews and Titus, Neptune.*
N. J.: Loiseaux Brothers, 1932.

Kelly, William.
*Introductory Lectures to the Epistle to the Hebrews and the Epistle to Philemon.*
Oak Park, IL: Bible Truth Publishers, сол номаълум.

Landis, G. M.
*Epistle to the Hebrews: On to Maturity.*
Oak Park: Emmaus Bible School, 1964.

Lang, G. H.
*The Epistle to the Hebrews.*
London: Paternoster Press, 1951.

Lincoln, William.
*Lectures on the Epistle to the Hebrews.*
Boston: Believers Book-Room, сол номаълум.

Mantle, J. Gregory.
*Better things: A Series of Bible Readings on the Epistle to the Hebrews.*
New York: Christian Alliance, 1921.

Meyer, F. B.
*The Way into the Holiest.*
Grand Rapids: Zondervan, 1950.

Moffatt, James.
*A Critical and Exegetical Commentary on the Epistle to the Hebrews.*
ICC, Edinburgh: T. & T. Clark, 1924.

Moule, H. C. G.
*Studies in Hebrews.*
Grand Rapids: Kregel Publications, 1977.

Newell, W. R.
*Hebrews Verse by Verse.*
Chicago: Moody Press, 1947.

Pfeiffer, Charles F.
*The Epistle to the Hebrews.*
Chicago: Moody Press, 1962.

Rainsbury, A. W.
*Able to Save to the Uttermost, The Keswick Week.*
London: Marshall, Morgan and Scott, 1958.

Thomas W. H. Griffith.
*Hebrews: A Devotional Commentary.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans, 1961.

Vine, W. E.
*The Epistle to the Hebrews.*
London: Oliphants, 1952.

Westcott, B. F.
*The Epistle to the Hebrews.*
London: MacMillan, 1889.

Wuest, K. S.
*Hebrews in the Greek New Testament.*
Grand Rapids: Eerdmans, 1947.

# ВАҲЙИ ИСОИ МАСЕҲ

*Вақте мо суханони ин Пайғамбариро мехонем, дилҳои мо бояд барои файзе ки моро аз ҳар чизи дар ин аср ба вуқуъ меомада наҷот додааст, пур аз ҳамд ба Худованди мо бошанд. Баракати дигар барои мо дилпурӣ дар ғалаба ва ҷалоли охирин мебошад.*

Арно С. Габелин

## Муқаддима

### I. МАВҚЕИ МАХСУС ДАР ҚОНУНИ ШАРЪӢ

Нотакрор будани китоби охирини Навиштаи Муқаддас аз худи калимаи якум «Ваҳй», ё дар матни аслӣ, *«Апокалипсис»,* аён аст. Ин калима, ки маънои *«ошкоркунии асрор»*-ро дорад, ҳаммаъноии калимаи мо *«апокалипсис»*, навъи мактубест, ки дар Навиштаҳои Аҳди Қадим мо онро дар китобҳои Дониёл, Ҳизқиёл ва Закарё, дар Инҷил бошад танҳо ин ҷо меёбем. Он ба руъёҳои пайғамбаронаи замони оянда дахл дошта, рамзҳо, тимсолҳо ва дигар усулҳои адабиро истифода мебарад.

Ваҳй на танҳо иҷрошавии тамоми пешгӯиҳо ва пирӯзии пурраи Худо ва Барраро дар оянда мебинад, он ҳамчунин анҷомҳои пайвастнашудаи 65 китоби аввали Навиштаи Муқаддасро пайваст мекунад. Дар асл, танҳо тамоми Навиштаи Муқаддасро дониста, ин китобро фаҳмидан мумкин аст. Тимсолҳо, рамзҳо, воқеаҳо, ранг ва ғайра – қариб бо ҳамаи ин мо пештар дар Каломи Худо вохӯрда будем. Касе дуруст ин китобро «истгоҳи калони асосӣ»-и Навиштаи Муқаддас номидааст, зеро ҳамаи «қатораҳо» ба он меоянд. Чӣ гуна «қатораҳо»? Қатораҳои андешаронӣ, ки дар китоби Ҳастӣ ибтидо ёфта, фикри асосии тамоми китобҳои минбаъдаро оид ба наҷот ва тасаввурот дар бораи халқи Исроил, ғайрияҳудиён, Ҷамоат, шайтон душмани халқи Худо, зиддимасеҳ ва бисёр чизи дигар, мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

«Апокалипсис» (ки аз асри IV бисёр вақт саҳван «Ваҳйи Юҳанно» ва хеле кам «Ваҳйи Исои Масеҳ» номида мешуд, 1,1) авҷи зарурии Навиштаи Муқаддас аст. Он ба мо оид ба он нақл мекунад, ки чӣ тавр ҳама чиз ба анҷом мерасад. Ҳатто рӯякӣ хондани он бояд барои беимонон огоҳии ҷиддӣ дар хусуси тавба кардан, барои халқи Худо дилбардорӣ баҳри дар имон пойдор мондан бошад!

### II. МУАЛЛИФӢ

Худи китоб ба мо мегӯяд, ки муаллифи он Юҳанно аст (1,1.4.9; 22,8), ки мувофиқи амри Худованди худ Исои Масеҳ онро навишта буд. *Шаҳодатҳои берунии* деринаи боварибахш ва васеъ паҳншуда он нуқтаи назарро тасдиқ мекунанд, ки Юҳанное ки сухан дар борааш меравад, расул Юҳанно, писари Забдой аст, ки солҳои зиёд дар Эфесус (Осиёи Хурд, ки дар он ҳамаи ҳафт ҷамоате ки муроҷиати бобҳои 2 ва 3 ба онҳо ирсол шудааст, ҷойгиранд) меҳнат карда буд. Вай аз ҷониби Домисиан ба Патмус бадарға шуда буд, ва дар он ҷо руъёҳоеро тасвир намуд, ки Худованд ӯро сазовори диданашон кард. Дертар вай ба Эфесус омада, он ҷо дар пиронсолии неки пурайём вафот кард. Юстини риёзаткаш, Ириней, Тертуллиан, Ипполит, Клименти Искандариягӣ ва Ориген ҳамаашон ин китобро ба Юҳанно нисбат медиҳанд. Нисбатан ба қарибӣ дар Миср китоби зери унвони «Апокрифи Юҳанно» (тақрибан соли 150-уми пас аз милод) ёфт шуд, ки кушоду равшан Ваҳйро ба Юҳанно, бародари Яъқуб нисбат медиҳад.

Аввалин мухолифи муаллиф будани Юҳанно Диониси Искандариягӣ буд, аммо вай танҳо аз он сабаб намехост Юҳанноро муаллифи Ваҳй эътироф намояд, ки худ зидди таълимот оид ба Подшоҳии Ҳазорсола буд (Ваҳй 20). Истинодҳои норавшан ва беасоси вай

аввал ба Юҳаннои Марқус, ва баъд ба «усқуф Юҳанно» чун ба муаллифони имконпазири Ваҳй бар зидди чунин шаҳодатҳои боварибахш тоб оварда натавонистанд, агарчи аксари илоҳиётшиносони муосири бештар либералӣ ҳамчунин муаллиф будани расул Юҳанноро рад мекунанд. Дар таърихи ҷамоат далелҳое нестанд, ки мавҷуд будани усқуф Юҳанно ном шахсро тасдиқ мекарда бошанд, магар ин ки муаллифи номаҳои 2-юм ва 3-юми Юҳанно. Аммо ин ду нома ба худи ҳамон услубе навишта шудаанд, ки 1Юҳанно навишта шудааст, ва ҳамчунин аз рӯи содагӣ ва луғат бо Инҷили Юҳанно монанданд.

Агар шаҳодатҳои берунӣ, ки дар боло зикр шудаанд, хеле қавӣ бошанд, *шаҳодатҳои дарунӣ* чандон баҳснопазир нестанд. Захираи луғавӣ, аниқтараш, услуби дағали «сомӣ»-и юнонӣ (ҳатто якчанд баёнотҳое ҳастанд, ки филологҳо онҳоро солесизм, хатоҳои услубӣ номидаанд), ва ҳамчунин тартиби калимаҳо бисёр касонро бовар мекунонанд, ки нависандаи Ваҳй Инҷилро навишта наметавонист.

Аммо ин фарқҳо маънидодшавандаанд, ғайр аз ин, дар миёни ин китобҳо монандиҳо низ чандон кам нестанд.

Масалан, баъзеҳо чунин мешуморанд, ки Ваҳй хеле пештар, дар солҳои 50-ум ва 60-ум (замони ҳукмронии Клавдий ва Нерон) навишта шудааст, *Инҷилро* бошад Юҳанно хеле дертар, дар солҳои 90-ум навишта буд, вақте дониши худро оид ба забони юнонӣ такмил дод. Аммо ин маънидодкунии ягона нест. Имкон дорад, ки ҳангоме Юҳанно Инҷилро менавишт, котиб дошт, ҳангоми ба Патмус бадарға шудан бошад тамоман танҳо буд. (Бо ин ба ҳеҷ ваҷҳ таълимот оид ба илҳоми илоҳӣ доштан вайрон намешавад, зеро Худо услуби шахсии муаллифро истифода мебарад, на услуби умумиятноки тамоми китобҳои Навиштаи Муқаддасро.)

Ҳам дар Инҷили Юҳанно ва ҳам дар Ваҳй мавзуъҳои умумиро, ба монанди рӯшноӣ ва торикӣ меёбем. Калимаҳои «Барра», «ғолиб омадан», «сухан», ҳамин», «оби ҳаёт» ва ғайра ҳамчунин ин ду асарро муттаҳид месозанд. Ба ғайр аз ин, ҳам дар Юҳанно 19,37, ва ҳам дар Ваҳй 1,7 Закарё 12,10 иқтибос оварда мешавад, дар айни ҳол ба маънои «найза задан» на он калимае истифода мешавад, ки мо дар Септуагинта меёбем, балки тамоман калимаи дигар бо худи ҳамон маъно.[1]

Боз як сабаби фарқҳо дар лексика ва услуби Инҷил ва Ваҳй жанрҳои хеле фарқкунандаи адабӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин, дар Ваҳй қисми зиёди фразеологизмҳои яҳудӣ аз тасвирҳое иқтибос шудаанд, ки дар тамоми Аҳди Қадим васеъ паҳн шудаанд.

Инак, ақидаи анъанавӣ оид ба он ки расул Юҳанно, писари Забдой ва бародари Яъқуб, ҳақиқатан Ваҳйро навиштааст, асоси таърихии устувор дорад, ҳамаи мушкилоти ба вуҷуд омадаро бошад муаллиф будани вайро рад накарда, ҳал намудан мумкин аст.

## III. ВАҚТИ НАВИШТА ШУДАН

Санаи барвақти навишта шудани Ваҳй, ба ақидаи баъзеҳо, солҳои 50-ум ё охири солҳои 60-ум мебошад. Чунон ки зикр шуда буд, ин қисман услуби на чандон моҳиронаи бадеии Ваҳйро маънидод мекунад. Баъзе касон чунин мешуморанд, ки адади 666 (13,18) пешгӯӣ дар бораи қайсар Нерон,[2] буд, ки чун баъзеҳо гумон мекарданд, бояд зинда мешуд. Ин барои тахмин кардани санаи пештар асос медиҳад. Он факт, ки ин рӯйдод ба амал наомадааст, ба қабул кардани ин китоб таъсир накард. (Шояд, он исбот мекунад, ки Ваҳй хеле дертар аз замони ҳукмронии Нерон навишта шудааст.)

Падарони Ҷамоат хеле аниқ ба охири ҳукмронии Домисиан (тақрибанан с. 96) чун ба замоне ишора мекунанд, ки Юҳанно дар Патмус буда, Ваҳйро қабул намуд. Азбаски ин ақида барвақт, асоснок ва дар миёни масеҳиёни эътикодманд васеъ паҳншуда аст, барои қабул кардани он асоси пурра вуҷуд дорад.

## IV. МАВЗУЪ ВА ВУСЪАТ

Роҳи фаҳмидани китоби Ваҳй сода аст – тасаввур кардани он ки китоб ба се қисм тақсим мешавад. Боби 1 руъёи Юҳанноро тасвир мекунад, ки дар он вай Масеҳро дар либоси довар, ки дар миёни ҳафт ҷамоат меистод, дида буд. Бобҳои 2 ва 3 давраи Ҷамоатро дар бар мегирад, ки мо дар он зиндагӣ мекунем. 19 боби боқимонда ба воқеаҳои оянда дахл доранд, ки пас аз анҷом ёфтани давраи Ҷамоат

меоянд. Китобро ба тоаври зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. *Он чи Юҳанно дида буд,* яъне Масеҳро ба сифати Довари ҷамоатҳо дидан.
2. *Он чи ҳаст:* азназаргузаронии давраи Ҷамоат аз марги расулон то замоне ки Масеҳ муқаддасони Худро ба осмон хоҳад бурд (б. 2 ва 3).
3. *Он чи баъд аз ин бояд рӯй диҳад:* тасвири воқеаҳои оянда аз боло шудани муқаддасон то барпо шудани Подшоҳии Абадӣ (б. 4-22). Агар нақшаи суробӣ тартиб диҳед, мазмуни ин қисмати китобро дар хотир доштан душвор нест:
   а) Бобҳои 4-19 Мусибати бузургро тасвир мекунанд, яъне давраеро, ки камаш ҳафт солро дар бар мегирад, ва дар давоми он Худо Исроил ва ғайрияҳудиёни беимонро доварӣ хоҳад намуд; ин доварӣ бо ёрии чунин ашёи рамзнок тасвир меёбад:
      1) ҳафт мухр;
      2) ҳафт карнай;
      3) ҳафт коса;
   б) Бобҳои 20-22 омадани дуюми Масеҳ, ҳукмронии Ӯро дар замин, Довариро назди Тахти Бузурги Сафед ва Подшоҳии Абадиро дар бар мегиранд.

Дар давраи Мусибати бузург мухри ҳафтум ҳафт карнайро дар бар мегирад. Карнайи ҳафтум бошад боз ҳафт косаи ғазабро дар бар мегирад. Бинобар ин мусибати бузургро ба шакли нақшаи зерин тасвир кардан мумкин аст:

**МУҲРҲО**
**1-2-3-4-5-6-7**
**КАРНАЙҲО**
**1-2-3-4-5-6-7**
**КОСАҲО**
**1-2-3-4-5-6-7**

### Дарундостонҳо дар китоб

Нақшаи дар боло овардашуда хати асосии мақсади тамоми китоби Ваҳйро нишон медиҳад. Аммо дар ҷараёни нақл бисёр вақт гурезҳое вомехӯранд, ки мақсади онҳо ба хонанда нишон додани шахсиятҳои муҳими гуногун ва воқеаҳои Мусибати бузург мебошад. Баъзе нависандагон онҳоро интермедияҳо, ё дарундостонҳо меноманд. Ана дарундостонҳои асосӣ:

1. 144 000 муқаддасони муҳрзадашудаи яҳудӣ (7,1-8).
2. Ғайрияҳудиёни имондор дар ин давра (7,9-17).
3. Фариштаи боқувват бо китоб (б. 10).
4. Ду шоҳид (11,3-12).
5. Исроил ва аждаҳо (б. 12).
6. Ду ҳайвони ваҳшӣ (б. 13).
7. 144 000 бо Масеҳ дар кӯҳи Сион (14,1-5).
8. Фаришта бо Хушхабари абадӣ (14,6.7).
9. Эълони пешакӣ дар бораи фурӯ ғалтидани Бобил (14,8).
10. Огоҳӣ ба саҷдакунандагони ҳайвони ваҳшӣ (14,9-12).
11. Дарав ва ҷамъоварии ангур (14,14-20).
12. Нобудшавии Бобил (17,1-19,3).

### Рамзҳо дар китоб

Забони Ваҳй асосан рамзнок аст. Рақамҳо, рангҳо, канданиҳои фоиданок, сангҳои қиматбаҳо, ҳайвоноти ваҳшӣ, ситорагон ва чароғҳо – ҳамаи инҳо рамзҳои одамон, ашё ё ҳақиқатҳои гуногун мебошанд.

Хушбахтона, баъзеи ин рамзҳо дар худи китоб маънидод карда мешаванд. Масалан, ҳафт ситора фариштагони ҳафт ҷамоат (1,20) ҳастанд; аждаҳои калон иблис, ё шайтон (12,9). Роҳи фаҳмидани якчанд рамзҳои дигарро дар қисмҳои дигари Навиштаи Муқаддас меёбем. Чор ҳайвон (4,6) қариб айнан мисли чор ҳайвон дар Ҳизқиёл 1,5-14 мебошанд. Дар Ҳизқиёл 10,20 гуфта шудааст, ки инҳо каррубиён ҳастанд. Паланг, хирс ва шер (13,2) ба мо Дониёл 7-ро ёдрас мекунанд, ки дар он ин ҳайвоноти ваҳшӣ ифодагари империяҳои ҷаҳонӣ мебошанд: Юнон, Форс ва мувофиқан Бобил. Рамзҳои дигар дар Навиштаи Муқаддас шарҳи равшан надоранд, бинобар ин ҳангоми маънидод кардани онҳо хеле боэҳтиёт будан лозим аст.

### Вусъати китоб

Китоби Ваҳйро ва низ тамоми Навиштаи Муқаддасро омӯхта, мо бояд дар хотир дорем, ки дар миёни Ҷамоат ва Исроил фарқ вуҷуд дорад. Ҷамоат одамоне мебошанд, ки ба осмон тааллуқ доранд, баракатҳои онҳо рӯҳонианд, ва онҳо чун Арӯси Масеҳ барои бо ҳам дидани ҷалоли Ӯ даъват шудаанд. Исроил халқи қадими Худост, ки дар замин сокин аст. Худо ба ин халқ замини Исроилро ва Подшоҳии воқеиро

дар замин зери роҳбарии Масеҳ ваъда намудааст. Ҷамоати ҳақиқӣ дар се боби аввал зикр мешавад, сипас мо онро то базми никоҳи Барра намебинем (19,6-10). Давраи Мусибати бузург (4,1-19,5) аз рӯи хосияти худ бештар давраи яҳудиён аст.

Дар охир бояд илова кард, ки на ҳамаи масеҳиён Ваҳйро он тавре ки дар боло зикр шудааст, шарҳ медиҳанд. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки пайғамбариҳои ин китоб пурра дар давраи таърихи Ҷамоати ибтидоӣ ба амал омаданд. Дигарон бошад таълим медиҳанд, ки Ваҳй ифодагари тасвири давомкунандаи Ҷамоати тамоми замонҳо, аз Юҳанно то худи охир мебошад.

Ин китоб ба тамоми фарзандони Худо таълим медиҳад, ки ҳаётро барои чизҳои фонӣ гузарондан бемаънист. Он моро водор месозад, то ба нобудшавандагон шаҳодат диҳем ва моро дилгарм мекунад, ки бозгашти Худовандро пурсаброна мунтазир шавем. Барои беимонон ин огоҳии муҳим оид ба он аст, ки тамоми радкунандагони Наҷотдиҳандаро ҳалокати даҳшатангез мунтазир аст.

## Нақша

I. ОН ЧИ ЮҲАННО ДИДА БУД (Б. 1)
- А. Мавзӯи китоб ва дуруд (1,1-8)
- Б. Дидани Масеҳ дар либоси довар (1,9-20)

II. ОН ЧИ ҲАСТ: НОМАҲО АЗ ҶОНИБИ ХУДОВАНДИ МО (Б. 2 ва 3)
- А. Нома ба ҷамоати Эфесус (2,1-7)
- Б. Нома ба ҷамоати Исмирно (2,8-11)
- В. Нома ба ҷамоати Парғомус (2,12-17)
- Г. Нома ба ҷамоати Тиётиро (2,18-29)
- Ғ. Нома ба ҷамоати Сардис (3,1-6)
- Д. Нома ба ҷамоати Филоделфия (3,7-13)
- Е. Нома ба ҷамоати Лоудикия (3,14-22)

III. ОН ЧИ БАЪД АЗ ИН БОЯД РӮЙ ДИҲАД (Б. 4–22)
- А. Дидани тахти Худо (Б. 4)
- Б. Барра ва китобе ки бо ҳафт мухр баста шудааст (Б. 5)
- В. Бардоштани ҳафт мухр (Б. 6)
- Г. Онҳое ки дар давраи Мусибати бузург наҷот ёфтанд (Б. 7)
- Ғ. Мухри ҳафтум. Ҳафт карнай ба навохтан шуруъ мекунанд (Б. 8 ва 9)
- Д. Фариштаи боқувват бо китоб (Б. 10)
- Е. Ду шоҳид (11,1-14)
- Ё. Карнайи ҳафтум (11,15-19)
- Ж. Иштироккунандагони асосӣ дар Мусибати бузург (Б. 12–15)
- З. Ҳафт косаи ғазаби Худо (Б. 16)
- И. Фурӯ ғалтидани Бобили бузург (Б. 17–18)
- Ӣ. Омадани Масеҳ ва Подшоҳии Ҳазорсолаи Ӯ (19,1–20,9).
- Й. Доварӣ бар шайтон ва ҳамаи беимонон (20,10-15)
- К. Осмони нав ва замини нав (21,1–22,5)
- Қ. Огоҳиҳо, тасаллоҳо, даъватҳо ва баракатхоҳиҳои хотимавӣ (22,6-21)

# Тафсир

## I. ОН ЧИ ЮҲАННО ДИДА БУД (Б. 1)

### А. Мавзӯи китоб ва дуруд (1,1-8)

**1,1-2** Ояти якум мавзӯи китобро баён мекунад: он чи бояд *ба зудӣ* рӯй диҳад. Китоби Ваҳй асосан ояндаро ошкор мекунад. Ин *ваҳйи* воқеаҳои оянда аст, ки Худо ба *Исои Масеҳ* ато намуд. Худованд Исо, дар навбати Худ, онро ба *ба фариштаи Худ* дод, фаришта бошад онро ба *бандаи* Худованд *Юҳанно* эълон намуд. Юҳанно онро бо як мақсад навишт: расонидани хабар ба *бандагони* Худованд, яъне ба тамоми имондорони ҳақиқӣ. Инро ба ҷо оварда, Юҳанно дар бораи *каломи* пайғамбарона, ки онро Худо ба вай ато намуда буд, ва оид ба *шаҳодати Исои Масеҳ, гувоҳӣ дод.* Кӯтоҳ карда гӯем, Юҳанно оид ба ҳар *чизе ки* дар руъёи осмонӣ дида буд, шаҳодат дод.

**1,3** Албатта, Худо мехост, ки ин китоб дар Ҷамоат хонда шавад, зеро ваъда дода буд касонеро, ки онро бо овози баланд *мехонанд* ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ҷамоат онро *мешунаванд* ва бо дил қабул мекунанд, ба таври махсус баракат диҳад. *Вақти* иҷро шудани пайғамбарӣ *наздик аст.*

**1,4** *Юҳанно* китобро ба *ҳафт ҷамоате* ирсол менамояд, ки дар вилояти румии *Осиё* буданд. Ин вилоят дар Осиёи Хурд ҷойгир буд (Туркияи имрӯза). Пеш аз ҳама, Юҳанно ба тамоми ҷамоатҳо *файз ва осоишро* орзуманд аст. *Файз* лутфи Худост, ки мо сазовори он нестем ва қувватест, ки доимо дар ҳаёти масеҳӣ зарур аст. *Осоиш* оромии аз ҷониби Худованд меомада аст, ки ба имондор имкон медиҳад, то дар рӯ ба рӯи ҳар гуна таъқибот, азобҳо ва ҳатто худи марг устувор бимонад. Файз ва осоиш аз Ваҳдати Сегона меоянд. Онҳоро Ҳамоне ато мекунад, *ки ҳаст ва буд ва меояд.* Ин ба Худо Падар дахл дошта, номи «Яҳува»-ро дуруст муайян мекунад. Ӯ воҷибулвуҷуд ва тағйирнопазир аст. Файз ва осоиштагӣ ҳамчунин аз ҷониби *ҳафт рӯҳе ки дар пеши тахти Ӯ ҳастанд,* меояд. Ин ба Худо Рӯҳулқудс дар пуррагии Ӯ дахл дорад, зеро ҳафт – адади камолот ва пуррагист. Тааҷҷубовар нест, ки дар ин китоби хотимавии Навиштаи Муқаддас адади ҳафт панҷоҳу чор бор вомехӯрад.

**1,5** Файз ва осоиш *аз ҷониби Исои Масеҳ* ҳам меояд, *ки шоҳиди боваринок, нахустзода аз мурдагон ва фармонфармои подшоҳони замин аст.* Ин тасвири муфассали Худо Писар аст. Ӯ *шоҳиди* боваринок аст. Чун *нахустзода аз мурдагон,* Ӯ аввалин шахсест, ки аз *мурдагон* зинда шуда, дигар намемурад, ва дар миёни тамоми онҳое ки зинда шудаанд, то аз ҳаёти абадӣ ҳаловат баранд, ҷои муътабар ва якумро ишғол мекунад. Ҳамчунин Ӯ *фармонфармои подшоҳони замин* аст. Дарҳол пас аз дуруди худ Юҳанно ба Худованд Исо ҳамдеро мехонад, ки шоистаи Ӯст. Аввал вай оид ба Наҷотдиҳанда чун оид ба Шахсе гап мезанад, ки моро дӯст дошт ва *дӯст медорад,*[3] *ва моро аз гуноҳҳоямон бо Хуни Худ халосӣ дод.* Ба замонҳои феълҳо диққат диҳед: *дӯст медорад* – амали ҳозираи давомдор; *халосӣ дод* – амали анҷомёфтаи гузашта. Ҳамчунин тартиби калимаҳоро пай баред: Ӯ моро *дӯст медорад,* ва ҳақиқатан муддатҳо пеш аз он ки моро *халосӣ дод,* моро дӯст дошт. Ва ба нарх диққат диҳед: *бо Хуни Худ*. Худбаҳодиҳии боинсофона моро водор месозад эътироф намоем, ки нархи наҷот бениҳоят баланд аст. Мо сазовори он нестем, ки бо чунин нархи беандоза баланд халосӣ ёбем.

**1,6** Муҳаббати Ӯ танҳо бо халосӣ додан ба мо маҳдуд нашуд, агарчи ҳамин тавр ҳам буда метавонист. Ӯ моро *подшоҳон ва коҳинони Худо ва Падари Худ* гардонд. Чун *коҳинони* муқаддас, мо ба Худо қурбониҳои рӯҳонӣ меоварем: худамонро, моликиятамонро, ситоиш ва хизмати худро ба Ӯ. Чун *коҳинони* подшоҳ, мо оид ба камолоти оне ки моро аз торикӣ ба рӯшноии аҷиби Худ даъват намудааст, эълон менамоем. Оид ба чунин муҳаббат андеша карда, мо метавонем ногузир ба хулосае оем, ки Ӯ сазовори ҳамаи он фаровонии *ҷалол,* шавкат, парастиш ва ситоише аст, ки мо барои Ӯ ҷамъ карда метавонем. Ӯ сазовори он аст, ки Фармонфармои ҳаёти мо, Ҷамоат, ҷаҳон ва тамоми олам бошад. *Омин.*

**1,7** Ин Пурбаракат боз дар ароба *бо абрҳо* ба замин *меояд.* Омадани Ӯ маҳдуд ва ноаён нахоҳад буд, зеро *Ӯро ҳар чашм мебинад* (муқоиса кунед Мат. 24,29-30). Онҳое ки гуноҳи ба салиб кашида шудани Ӯ бар гарданашон аст, ба даҳшат хоҳанд омад. Дар асл, *ҳамаи қабилаҳои замин* навҳа хоҳанд кард, зеро Ӯ барои доварӣ кардани душманони Худ

омада, Подшоҳии Худро барпо хоҳад кард. Аммо имондорон барои омадани Ӯ навҳагарӣ нахоҳанд кард; онҳо мегӯянд: *«Оре, биё. Омин»*.

**1,8** Ин ҷо ивазшавии шахси гӯянда ба амал меояд. Худованд Исо Худро *чун Алфа ва Омега* (ҳарфҳои якум ва охири алифбои юнонӣ), *ибтидо ва интиҳо* нишон медиҳад.[4] Ӯ вақт ва абадиятро андоза мекунад, ва тамоми захираи луғавӣ барои Ӯ намерасад. Ӯ сарчашма ва мақсади офариниш буда, Оғозкунанда ва Анҷомдиҳандаи барномаи илоҳӣ барои ҷаҳон мебошад. Ӯ ҳаст *ва буд ва меояд,* Худои *қодири Мутлақи* ҷовидон дар ҳастӣ ва қувват.

## Б. Дидани Масеҳ дар либоси довар (1,9-20)

**1,9** Боз суханро *Юҳанно* сар мекунад, ки худро чун *бародар ва шарики* тамоми имондорон *дар андӯҳ ва подшоҳӣ ва сабри Исои Масеҳ* муаррифӣ менамояд. Вай *андӯҳ,* устуворӣ *(сабр) ва подшоҳиро* якҷоя мекунад. Павлус низ онҳоро дар Аъмол 14,22 якҷоя карда, муқаддасонро муътақид месозад, ки дар имон устувор бошанд ва гуфт, ки онҳо бояд «бо мусибатҳои бисёр дохили Подшоҳии Худо гарданд».

Юҳанно барои вафодорӣ *ба каломи Худо ва шаҳодати Исои Масеҳ дар ҷазираи Патмус,* ки дар баҳри Эгей ҷойгир буд, ба зиндон андохта шуд. Аммо зиндон барои вай қабулгоҳи осмонӣ гардид, ки дар он ба вай руъёҳои ҷалол ва доварӣ зоҳир шуданд.

**1,10** Юҳанно *дар рӯҳ буд,* яъне дар муносибати поку наздик бо Ӯ қарор дошт, ва ҳамин тариқ, қобилияти қабул кардани маълумоти илоҳиро дошт. Ин ба мо ёдрас мекунад, ки одам бояд барои шунидан наздик бошад. «Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст» (Заб. 24,14). Руъёи тасвиршуда *дар рӯзи Худованд,* яъне дар рӯзи якуми ҳафта рӯй дод. Он рӯзи растохези Масеҳ, ду зоҳиршавии минбаъдаи Ӯ ба шогирдон ва рӯзи фурӯд омадани Рӯҳулқудс ба расулон дар рӯзи Пантикост буд. Шогирдон ҳамчунин барои шикастани нон дар рӯзи якшанбе ҷамъ мешуданд, ва Павлус ба қуринтиён насиҳат медод, ки дар рӯзи якуми ҳафта хайрот ҷамъ оваранд. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки ин ҷо Юҳанно ба замони доварӣ, ки дар борааш хоҳад навишт, ишора мекунад, аммо дар матни аслии юнонӣ ифодаи «рӯзи Худованд» дар ҳар ду маврид бо суханони гуногун баён карда мешавад.

Ногаҳон Юҳанно *аз қафои худ* овози соф, баланд ва монанди садои *карнай шунид.*

**1,11-12** Ин Исо буд, ки ба вай фармуд, то он чиро, ки дере нагузашта *хоҳад дид,* дар *китоб нависад,* ва чизи навишташударо ба *ҳафт ҷамоат бифиристад.* Юҳанно барои дидани Шахси Гӯянда тоб хӯрда, *ҳафт чароғдони тиллоиро* дид, ки ҳар яке аз онҳо таҳкурсӣ, пояи амудӣ ва чароғи равғанин дар нӯги болоӣ дошт.

**1,13** *Дар миёни ҳафт чароғдон касе монанди Писари Одам* буд. Дар миёни Ӯ ва ҳар як чароғдон ҳеҷ чиз набуд: на миёнарав, на табақабандӣ, на созмонҳо. Ҳар як ҷамоат мухтор буд. Худовандро тасвир намуда, Макконкӣ мегӯяд:

*Рӯҳ тамоми мавҷудиятро истифода мебарад, то рамзҳое ёбад, ки ба ақлҳои заиф ва маҳдуди мо оид ба ҷалол, ҳашамат ва бузургии Меомада, Ҳамоне ки Масеҳи Ваҳӣ аст, каме фаҳмиш дода метавониста бошад.*[5]

У камзӯли дарози доварро *дар бар дошт.* Камарбанде ки *бар синааш баста шудааст,* рамзи боадолат ва бехато будани доварии Ӯст (ниг. Иш. 11,5).

**1,14** *Сари Ӯ ва мӯи Ӯ мисли пашм ё барф сафед буд.* Ин табиати абадии Ӯро чун Атиқулайём (Дон. 7,9), ҳикмат, ва ҳамчунин покии довариҳои Ӯро инъикос мекунад. Чашмони *мисли шуълаи оташ* дар бораи дониши комил, фаросати бехато ва дар бораи он ки аз нигоҳи озмоишкунандаи Ӯ рӯй гардондан номумкин аст, мегӯянд.

**1,15** *Пойҳои* Худованд *монанди* мисе *ки дар кӯра сурх шуда бошад,* буданд. Азбаски мис рамзи такроршавандаи доварист, пас ба ин восита ақидае тасдиқ мешавад, ки ин ҷо Ӯ пеш аз ҳама бо ваколатҳои *довар* муаррифӣ шудааст. *Овози Ӯ* мисли шувваси обҳои бисёр ё мисли шувваси шаршараи кӯҳӣ, бузург ва саҳмгин буд.

**1,16** *Дар дасти рости худ ҳафт ситораро* доштани Ӯ ба доро будан, қудрат, ҳукмфармоӣ ва ҷалол ишора мекунад. *Шамшери дудама, ки аз даҳони Ӯ берун меомад,* Каломи Худост (Ибр. 4,12). Ин ҷо он ба ҳукмномаҳои ҷиддӣ ва аниқ нисбати халқи Ӯ дахл

дорад, ки аз номаҳо ба ҳафт ҷамоат аён аст. *Рӯи Ӯ* мисли *офтоби* дурахшоне буд, ки ба ниҳояти қиём расида, дар шавкат ва дар ҷалоли ғайриодии табиати илоҳии Ӯ чашмбар аст.

Тамоми ин мулоҳизаҳоро муттаҳид карда, мо Масеҳро дар тамоми камолоти Ӯ мебинем, ки дорои дараҷаи ихтисоси баландтарин аст ва ин ба Ӯ имкон медиҳад, ки ҳафт ҷамоатро доварӣ намояд. Дертар дар ин китоб Ӯ душманони Худро доварӣ хоҳад кард, аммо «вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад» (1Пет. 4,17). Аммо бояд зикр кунем, ки дар ҳар мавриди муайян ин доварӣ гуногун аст. Доварӣ бар ҷамоатҳо барои пок кардани онҳо ва бахшидани мукофотҳо ба амал оварда мешавад; доварӣ бар ҷаҳон – барои баровардани ҳукм ва ҷазо додан.

**1,17** Намуди ин Довар Юҳанноро бар *пойҳои Ӯ чун мурда* афтонд, аммо Худованд Юҳанноро ба худ оварда, Худро ба вай мисли *аввалин* ва *охирин* ошкор намуд (яке аз номҳои Яҳува; Иш. 44,6; 48,12).

**1,18** Довар Зиндаест, ки *мурда буд,* аммо акнун *то абад зинда аст. Ӯ калидҳои дӯзах*[6] *ва маргро дорад,* яъне назорат бар онҳо дошта, дорои қобилияти нодири аз мурдагон зинда карданро дорад. *Дунёи мурдагон* (ҳадес), ин ҷо ба ҷон дахл дорад, *марг* бошад ба бадан. Вақте ки одам мемурад, ҷони вай дар дунёи мурдагон, яъне дар ҳолати беҷисм мемонад. Ҷасад дар қабр мехобад. Барои имондор ҳолати беҷисм баробари бо Худованд будан аст. Дар лаҳзаи аз мурдагон зинда шудан ҷон бо бадани ҷалолёфта як шуда, боло ба хонаи Падар хоҳад рафт.

Юҳанно бояд *он чи дидааст* (б. 1), *он чи ҳаст* (б. 2.3) ва *он чи пас аз ин бояд рӯй диҳад* (б. 4-22), нависад. Мазмуни умумии китоб аз ҳамин иборат аст.

**1,19** Баъд Худованд ба Юҳанно маънои ниҳони ҳафт ситора ва ҳафт чароғдони тиллоро фаҳмонд. Ситораҳо фариштагон, ё қосидони ҳафт ҷамоат ҳастанд, дар ҳоле ки чароғдонҳо худи ҳафт ҷамоат мебошанд.

Калимаи *«фариштагон»* ҳар хел маънидод карда мешавад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки ин фариштагон ифодагари ҷамоатҳо мебошанд, айнан чунон ки фариштагон халқҳоро намояндагӣ мекунанд (Дон. 10,13.20. 21). Дигарон мегӯянд, ки ин усқуфон (ё шубанони) ҷамоатҳо мебошанд, агарчи ба чунин шарҳдиҳӣ асоси Навиштаҳо намерасад. Одамоне низ ҳастанд, ки мувофиқи гуфтаҳояшон, ин қосидон одамоне мебошанд, ки аз Юҳанно дар Патмус номаҳоро гирифта, ба ҳар ҷамоати ҷудогона бурда расондаанд. Калимаи юнонии «ангелос» ҳам маънои «фаришта» ва ҳам маънои «қосид»-ро дорад, аммо дар ин китоб аниқ маънои якум ба назар мерасад.

Агарчи номаҳо ба *фариштагон* ирсол шудаанд, мазмуни онҳо аниқ барои тамоми ташкилкунандагони Ҷамоат муқаррар шудааст.

*Чароғдонҳо* нурдиҳандагон, ва тимсоли мувофиқи *ҷамоатҳои маҳаллӣ* буда, барои пошидани нури Худо дар миёни торикии ин ҷаҳон муқаррар шудаанд.

## II. ОН ЧИ ҲАСТ: НОМАҲО АЗ ҶОНИБИ ХУДОВАНДИ МО (Б. 2 ва 3)

Дар бобҳои 2 ва 3 мо бо номаҳои шахсие ки ба ҳафт ҷамоати Осиё ирсол шуда буданд, шинос мешавем. Ин номаҳо метавонанд дар се самт истифода шаванд. Аввалан, дар онҳо ҳолати ҳақиқии ҳафт ҷамоати маҳаллӣ дар замоне ки Юҳанно менавишт, тасвир ёфтааст. Сониян, онҳо масеҳиятро дар замин дар ҳар як лаҳзаи таърихи он тасвир менамоянд. Аломатҳои хоси дар номаҳо тасвирёфта ақаллан қисман дар ҳар садсола пас аз рӯзи Пантикост вомехӯрданд. Дар ин хусус номаҳои ба таври аҷиб бо ҳафт масали боби 13-и Инҷили Матто монанд ҳастанд. Ва ниҳоят, номаҳо бознигарии *пайдарҳами пешакии* таърихи масеҳиятро медиҳанд, ки дар он ҳар як ҷамоат ифодагари давраи алоҳидаи таърих мебошад. Тамоюлоти маъмулӣ дар ҳолати ҷамоатҳо ба тарафи бад шудан аст. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки се номаи якум пайдарҳам мебошанду чортои охир аз рӯи вақт мувофиқ омада, ба давраи ба боло бурда шудан дахл доранд.

Мувофиқи нуқтаи назари сеюм, давраҳо дар таърихи ҷамоат одатан тартиби зерин доранд:

*Эфесус:* Ҷамоати садсолаи якум, ки, умуман, шоистаи таъриф аст, аммо аллакай муҳаббати якуми худро тарк намудааст.

*Исмирно:* аз садсолаи якум то чорум Ҷамоат аз ҷониби қайсарҳои Рум таъқиб мешуд.

*Парғомус:* дар садсолаи чорум ва панҷум, ба шарофати пуштибонии Константин, масеҳият чун дини расмӣ эълон шуд.

*Тиётиро:* аз садсолаи шашум то понздаҳум ҷамоати румӣ-католикӣ ба масеҳияти Ғарбӣ таъсири калон мерасонд, то даме ки онро ҳаракати Ислоҳот ба ларза овард. Дар Шарқ ҷамоати православӣ ҳукмрон буд.

*Сардис:* асрҳои шонздаҳум ва ҳафдаҳум давраҳои баъди Ислоҳот буданд. Рӯшноии Ислоҳот зуд хира шуд.

*Филоделфия:* дар садсолаҳои ҳаждаҳум ва нуздаҳум бедоршавии калон ва ҳаракатҳои бузурги миссионерӣ ба назар мерасиданд.

*Лоудикия:* Ҷамоати рӯзҳои охир чун ширгарм ва аз меъёр дуршуда тасвир ёфтааст. Ин ҷамоати либерализм ва экуменизм мебошад.

Дар сохти ин номаҳо монандӣ ҳаст. Масалан, ҳар яке аз онҳо бо дуруди шахсӣ ба ҳар як ҷамоат сар мешавад; ҳар яки он Худованд Исоро дар тимсоле нишон медиҳад, ки аз ҳама бештар маҳз ба ҳамин ҷамоат мувофиқ аст; дар ҳар яки онҳо зикр карда мешавад, ки ба Ӯ амалҳои ин ҷамоат маълуманд, ва калимаи «медонам» оид ба ин мегӯяд. Суханони ситоишомез ба тамоми ҷамоатҳо, ғайр аз ҷамоати Лоудикия, фиристода шудаанд; ҳамаи ҷамоатҳо, ғайр аз ҷамоати Филоделфия ва Исмирно мавриди сарзаниш қарор гирифтаанд. Дар ҳар яке аз ҷамоатҳо ба таври махсус панд дода мешавад, ки гуфтаҳои Рӯҳро бишнаванд, ва дар ҳар як нома ваъдаи махсус барои ғалабакунанда ҳаст.

Ба ҳар як ҷамоат хислати махсуси худ хос аст. Филлипс унвонҳои зеринро махсус қайд мекунад, ки ин хусусиятҳои бартаридоштаро инъикос менамоянд: *Эфесус* ҷамоати бемехр; *Исмирно* ҷамоати таъқибшаванда; *Парғомус* ҷамоати аз ҳад зиёд тоқатпазир; *Тиётиро* ҷамоати созишкор; *Сардис* – ҷамоати хуфта; *Филоделфия* – ҷамоате ки имкониятҳои мусоид дорад, ва *Лоудикия* ҷамоати худписанд. Валвурд мушкилоти онҳоро ба таври зерин тасвир менамояд:

1. аз даст додани муҳаббати якум;
2. тарси азобҳо;
3. иштибоҳи таълимӣ;
4. таназзули ахлоқӣ;
5. карахтии рӯҳонӣ;
6. нигаҳдории номустаҳкам ва
7. ширгармӣ.[7]

## А. Нома ба ҷамоати Эфесус (2,1-7)

**2,1** Худованд Худро ба *ҷамоати Эфесус* чун Шахсе муаррифӣ менамояд, *ки дар дасти рости Худ ҳафт ситора дорад ва дар миёни ҳафт чароғдони тилло мегардад*. Аксари тасвирҳои Худованд дар ин номаҳо ба он чи дар боби 1 оварда шудааст, монанд ҳастанд.

**2,2** Ин ҷамоат бо *амалҳои* зиёд, *меҳнати* ғайратмандона ва тобоварии пурсаброна фарқ мекард. Он дар муҳити худ тоқати дидани *бадкоронро* надошт. Он расулони дурӯғинро фарқ кунонда метавонист, ва бинобар ин бо онҳо мубориза мебурд.

**2,3-4** Он ба хотири номи Масеҳ озмоишҳову мусибатҳоро пурсаброна аз сар гузаронда, бемадор нагашта, *меҳнат мекард*. Аммо барои ҷамоати Эфесус фоҷиа ин буд, ки он *муҳаббати аввалини худро тарк кард*. Муҳаббаташ хунук шуд. Ҷидду ҷаҳди пурҳарорати рӯзҳои аввал аз байн рафт. Масеҳиён метавонистанд ба ақиб, ба замонҳои беҳтар нигаранд, ки муҳаббати аввалини онҳо ба Масеҳ пур аз оташ, пуррагӣ ва озодӣ буд. Онҳо ҳанӯз ҳам таълимотро мустаҳкам нигоҳ медоштанд, ва дар парастиш фаъолона иштирок мекарданд, аммо мақсади ҳақиқии ибодати онҳо гум шуда буд.

**2,5** Онҳо бояд рӯзҳои неки ибтидои имони худро *ба ёд оварда,* аз он *тавба мекарданд,* ки муҳаббати *аввалини* онҳо суст шуд, ва аз нав бо вафодорие ки хоси ибтидои ҳаёти масеҳиёнаи онҳо буд, хизмат мекарданд. Вагарна, Худованд *чароғдонро* дар Эфесус *аз ҷояш меҷунбонад,* яъне ҷамоати онҳо аз байн меравад. Шаҳодати он оҳиста-оҳиста барҳам мехӯрад.

**2,6** Сухани навбатии ситоишомез ба нафрати онҳо нисбати *амалҳои никулосиён* дахл дорад. Мо аниқ кӣ будани ин одамонро намедонем. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки ин пайравони Никулос ном роҳбари динӣ мебошанд. Дигарон ба он ишорат мекунанд, ки ин ном маънои «бар аҳли ҷамоат ҳукм ронадан»-ро дорад, ва дар ин ишораро ба пайдоиши системаи клерикалӣ (рӯҳонияти касбӣ) мебинанд.

**2,7** Онҳое ки барои шунидани Каломи Худо гӯш доранд, барои шунидани он ташвиқ мешаванд, *ки рӯҳ ба ҷамоатҳо чӣ мегӯяд.*

Сипас ба касе ки ғолиб меояд, ваъда дода мешавад. Одатан ғолиб дар Аҳди Нав шахсе мебошад, ки ба Писари Худо будани Исои Масеҳ бовар мекунад (1Юҳ. 5,5), ё дигар хел карда гӯем, имондори ҳақиқӣ аст. Имон ба вай қобилияти бар ҷаҳон бо васвасаҳову фиребҳояш ғолиб омаданро медиҳад. Шояд, дар ҳар нома ваъда фикри иловагиро маҳз барои ҳамин ҷамоат дар бар мегирад. Ҳамин тавр, дар ҷамоати Эфесус шахсе ғолиб буда метавонад, ки пас аз дур шудан аз муҳаббати аввалини худ тавба намуда, самимӣ будани имони худро нишон медиҳад. Чунин касон *аз дарахти ҳаёте ки дар биҳишти Худои ман аст, мехӯранд.* Ин маънои онро надорад, ки онҳо ба шарофати ғалаба наҷот хоҳанд ёфт; ғалаба ин ҷо исбот мекунад, ки онҳо ҳақиқатан бовар кардаанд. Одамон танҳо бо як роҳ наҷот меёбанд бар ҳасби файз, аз рӯи имон ба Масеҳ. Ҳамаи наҷотёфтагон *аз дарахти ҳаёт мехӯранд,* яъне ба осмон ба ҳаёти абадӣ дар тамоми пуррагӣ медароянд.

Ҷамоати Эфесусро бисёр вақт барои тасвир кардани ҳолати умумии Ҷамоат пас аз марги расулон истифода мебаранд.

## Б. Нома ба ҷамоати Исмирно (2,8-11)

**2,8** *Исмирно* маънои «мур» ё «талхӣ»-ро дорад. Ин ҷо Масеҳ чун *Аввалин ва Охирин, ки мурда буд ва зинда шуд,* муаррифӣ мешавад. Ин тасвир метавонад тасаллои махсус барои онҳое бошад, ки ҳар рӯз бо таҳдиди марг рӯ ба рӯ мешаванд.

**2,9** Худованд бо меҳрубонии махсус ба муқаддасони азияткаши Худ мегӯяд, ки Ӯ аз *андӯҳи* онҳо пурра огоҳ аст. Зоҳиран онҳо метавонанд *бенаво* тобанд, аммо аз ҷиҳати рӯҳонӣ онҳо *сарватманд* ҳастанд. Чунон ки Чарлз Стенлӣ гуфта буд: «Ҳамроҳи Оне будан, ки барои сар ниҳодан ҷой надорад, ва ба Ӯ монанд будан шарафи махсус аст. Ман инро дарк кардам: Исо ҳамсафари махсуси бандагони бенавои Худ аст».

Дар Исмирно махсусан яҳудиён зидди муқаддасон тунду тез баромад мекарданд. Таърихшиносон нақл мекунанд, ки масалан, ҳангоми куштани Поликарп яҳудиён бо майлу рағбати зиёд ёрӣ медоданд. Чун *яҳудиён* онҳо худро халқи Худо меномиданд, аммо бо рафтори куфромези худ нишон медоданд, ки *куништи шайтонанд.*

**2,10** Масеҳиён бояд аз он чизҳое *ки* дере нагузашта *бояд ба сарашон ояд, натарсанд.* Баъзеҳояшонро ба *зиндон* мепартоянд, ва онҳо *даҳ рӯз ранҷ мекашанд.* Ин вақт метавонад ба даҳ *рӯзи воқеӣ,* ба даҳ давраи махсуси таъқибот аз ҷониби қайсарҳои Рум, ки пеш аз Константин буданд, ё ба даҳ соли таъқибот дар аёми ҳукмронии Диоклетиан дахл дошта бошад.

Худованд имондоронро тарғиб менамояд, ки *то дами марг вафодор бошанд,* яъне омода бошанд, ки ҷони худро фидо намоянд, назар ба он ки аз имони худ ба Масеҳ даст кашанд. Онҳо *тоҷи ҳаётро* ноил мешаванд – мукофоти махсус, ки барои риёзаткашон муқаррар шудааст.

**2,11** Боз шунавандае ки бо майли том гӯш мекунад, даъват карда мешавад, то ба овози Рӯҳ гӯш диҳад. Ба ғолиб ваъда дода мешавад, ки вай аз *марги дуюм* зараре нахоҳад дид. Ин ҷо ғолиб шахсест, ки ҳақиқӣ будани имони худро бо он исбот мекунад, ки бо виҷдони пок ба осмон рафтанро афзал медонад, назар ба он ки бо виҷдони бад дар замин монад. *Марги дуюм* ба вай зараре намерасонад, зеро он ҳукми охирин барои тамоми беимонон аст (20,6.14).

## В. Нома ба ҷамоати Парғомус (2,12-17)

**2,12** *Парғомус* маънои «бурҷи баланд» ё «барои ҳамеша пайвастшуда»-ро дорад. Ин нома Худовандро чун Оне ки *шамшери дудама дорад,* ё Каломи Худо (Ибр. 4,12), ки бо он Ӯ дар ҷамоат бадкоронро доварӣ хоҳад кард, муаррифӣ менамояд (ниг. ба о. 16).

**2,13** Парғомус маркази оини парастиши қайсар дар Осиё буд, бинобар ин он маскане номида шудааст, ки *тахти шайтон* дар он ҷост. Сарфи назар аз он ки ҷамоатро бутпарастӣ иҳота мекард, он ба Масеҳ вафодор монд, агарчи яке аз аъзоёни он, *Антипас,* барои пайравӣ ба Худованд Исо кушта шуда буд. Вай аввалин сокини машҳури Осиёст, ки барои қайсарро парастиш накарданаш кушта шуд.

**2,14-15** *Аммо* Худованд бояд ҷамоатро барои он сарзаниш мекард, ки он ба пайравони таълимоти дурӯғин иҷозат медод бо масеҳиён

муносибат дошта бошанд. Дар миёни он *пайравони таълимоти Билъом* ва *никулосиён* буданд. *Таълимоти Билъом* хӯрдани *қурбониҳои бутҳоро* ва *зинокориро* маъқул медонист. Он ҳамчунин дар ивази музд мавъиза карданро ба кор мебурд (Ад. 22-25; 31).

*Таълимоти никулосиён* аниқ муайян карда нашудааст. Бисёр олимон моил ба онанд, ки ин либертиниҳо буданд, ва мувофиқи таълимоти онҳо, файзёфтагон дар ҳаёти худ ба бутпарастӣ ва гуноҳҳои шаҳвонӣ роҳ дода метавонистанд.

Аммо доктор Ч. И. Скоуфилд ин таълимотро бо пайдоиши низоми клерикалӣ алоқаманд месозад:

*Ин таълимот оид ба он аст, ки Худо синфи рӯҳониёнро, ё коҳинонро, чун синфе ки аз қавми ҷамоат фарқ мекард, муқаррар намуд. Ин калима аз ду калимаи юнонӣ иборат аст: «нико» забткунанда ё ғолиб ва «лаос» халқ. Дар Аҳди Нав оид ба ягон «рӯҳонӣ» ва махсусан оид ба коҳин ҳеҷ чиз маълум нест, ғайр аз он ки ҳамаи фарзандони Худо марҳамати махсуси «каҳонати шоҳона» будан доранд. Дар ҷамоати ибтидоии расулон вазифаҳои зерин буданд: шубонҳо (ё усқуфҳо) ва диаконҳо; ва атоҳо: расулон, пайғамбарон, муждабарон, шубонон ва муаллимон (Эфс. 4,11). Дорандагони атоҳо метавонистанд усқуфон ва ходимон бошанд ё набошанд. Аммо дар давраи дертари расулон тамоюлот ба он пайдо шуд, ки танҳо усқуфон ҳуқуқ доштанд маросимҳои диниро иҷро намоянд, ва умуман худро чун миёнарав байни Худо ва одамон таъйин кунанд; маҳз ҳаминҳо никулосиён буданд. Чунон ки мебинем, он чи дар Эфесус, дар давраи расулон, «амалҳо» буд, дусад сол пас, дар давраи Парғомус ё Константин, «таълимот» шуд.*[8]

**2,16** Имондорони ҳақиқӣ ба *тавба кардан* даъват мешаванд. Агар онҳо инро кунанд, бо муваффақият бадкорон ва муаллимони бадкорро аз муҳити худ бадар ронда метавонанд. Дар акси ҳол Худованд Худаш бо ин одамони нобакор *ҷанг мекунад.*

**2,17** Муқаддасони итоаткор бояд шунаванд, ки *Рӯҳ ба ҷамоатҳо чӣ мегӯяд.* Ба ғолиб ато хоҳад шуд, ки *аз манни ниҳонӣ хӯрад,* ва ба вай *санги сафеде* дода хоҳад шуд. Ғолиб дар Парғомус метавонист фарзанди Худо бошад, ки аз муносибати тоқатпазирона нисбати таълимоти дурӯғин дар ҷамоати маҳаллӣ даст мекашид. Аммо *манни ниҳонӣ ва санги сафед* чӣ бошад?

*Манн* тимсоли Худи Масеҳ аст. Он метавонад бар хилофи қурбонии бутҳо, рамзи ҳар гуна хӯроки осмонӣ бошад (о. 14). *Манни ниҳонӣ,* шояд, «мусоҳибаи ниҳонии ширин бо Онест, ки чун ранҷур дар ин ҷо ҷалол ёфтааст». *Санги сафедро* ҳар хел маънидод мекунанд. Дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ин аломати сафед кардан аст. Дар мусобиқаҳои варзишӣ ин рамзи ғалаба аст. Ҳамчунин ин рамзи меҳмондорӣ буд, ки соҳибхона ба меҳмонони худ зоҳир менамуд. Фаҳмост, ки ин изҳороти таҳсини шахсии Худо ва мукофотест, ки Ӯ ба ғолиб медиҳад. Элфорд мегӯяд, ки *номи нав* – аломати қабул шудан аз ҷониби Худо ва унвон дар ҷалол аст.

Таърихан ин ҷамоат, шояд, ифодагари замони пас аз Константин аст, ки Ҷамоат бо давлат мустаҳкам пайваст шуд. Ҳазорон одамон ба ном масеҳӣ гардиданду Ҷамоат нисбати зуҳуроти бутпарастӣ дар миёни он саҳлгир шуд.

### Г. Нома ба ҷамоати Тиётиро (2,18-29)

**2,18** Номи *Тиётиро* маънои «қурбонии доимӣ» ё «қурбониоварии баснашаванда»-ро дорад. Дар ин нома мо Писари Худоро мебинем, ки *чашмонаш чун шуълаи оташ, ва пойҳояш чун миси дурахшон аст.* Чашмон дар бораи чашмони тезбин гувоҳӣ медоданду *пойҳои* мисин дар бораи доварии оянда.

**2,19** Ин ҷамоат дар якчанд самт бемисол буд. Он дар *амалҳои* нек, *муҳаббат, хизмат, имон* ва тобоварии пурсаброна камбудӣ надошт. Аслан на кам шудани *амалҳо,* балки зиёд шудани он ба назар мерасид.

**2,20** Аммо дар ҷамоат нисбати таълимоти нопок, ки ба амалияи *фосиқӣ* ва бутпарастӣ роҳ медод, саҳлгирона муносибат мекарданд. Ҷамоат ба *Изобал*[9] ном *набияи* дурӯғин имкон дод, ки бандагони Худоро дар иштибоҳ андозад. Чунон ки Изобал дар Аҳди Қадим халқи Худоро бо зинокорӣ ва бутпарастӣ бадахлоқ намуд, ончунон ин зан ҳам таълим медод, ки масеҳиён метавонанд ҳамин хел рафтор намоянд, ва ин барои онҳо гуноҳ ҳисоб нахоҳад шуд. Шояд, вай дар хусуси ба иттиҳодияҳои савдогарони Тиётиро дохил шудани имондорон

изҳори ризоиятмандӣ мекард, агарчи ин боиси ситоиш кардани худо ё олиҳаи тиҷорат ва иштирок дар базмҳое мегардид, ки он ҷо қурбониҳои бутҳоро мехӯрданд. Бешубҳа, вай ин созишкориро бо ҷаҳон дар асоси он сафед мекард, ки гӯё ин ба муваффақияти кори ҷамоат мусоидат хоҳад кард.

**2,21-23** Азбаски он аз *тавба кардан* даст кашид, Худованд қарор дод, ки бистари зинокориашро ба *бистари* бемориӣ дар андӯҳи бузург иваз кунад. *Онҳое* ки бо вай *зино мекунанд,* бар бистари *азоби сахт* ва *ҳалокат* андохта хоҳанд шуд, *агар* аз амалҳои вай *даст накашанд.* Он гоҳ *ҳамаи ҷамоатҳо хоҳанд донист,* ки Худованд бедор аст ва ба ҳар кас мувофиқи амалҳояш подош медиҳад. Шояд, дар Тиётиро ҳақиқатан Изобал ном набияе буд. Аммо муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас ҳамчунин ин ҷо ишораро ба пайдоиши низоми дурӯғини ҷамоат бо бутпарастии он (саҷда бурдан ба расмҳо), фурӯхтани кафоратномаҳо ва аз ҷониби рӯҳониён бахшида шудани зино барин гуноҳҳоро мебинанд.

**2,24-25** Дар Тиётиро бақияи амин *(ҳамаи онҳое ки ин таълимотро пайравӣ накардаанд)* буд, ки дар таълимот ва маросимҳои ниҳони Изобал, ки чун *сирҳои шайтон* маълум буданд, иштирок намекард. Ба онҳо, ғайр аз маҳкам *нигоҳ доштани* ҳақиқат то омадани Масеҳ, *бори дигари* ҷавобгарӣ гузошта намешуд.

**2,26-28** Ғолиб дар Тиётиро имондори ҳақиқие буд, ки *амалҳои* масеҳияти ҳақиқиро маҳкам нигоҳ медошт. Мукофоти вай ин хоҳад буд, ки бо Масеҳ дар Подшоҳии Ҳазорсола ҳукмронӣ хоҳад кард. Ба вай *бар халқҳо* қудрат дода хоҳад шуд, ва ӯ онҳоро бо *асои оҳанин* идора хоҳад кард. Ҳар гуна гуноҳ ё муқобилат бедаранг ҷазои сахт дода хоҳад шуд. Худованд ваъда медиҳад, ки ба ғолиб *ситораи субҳро* ато хоҳад кард. Ситораи дурахшон ва субҳ Худи Худованд Исост (22,16). Чунон ки *ситораи субҳ* дар осмон то тулӯи офтоб намоён мешавад, ончунон Масеҳ низ, мисли ситораи субҳ зоҳир хоҳад шуд, то Ҷамоати Худро ба осмон барад, пеш аз он ки Ӯ, мисли офтоби адолат барои ҳукм рондан бар замин меояд (1Тас. 4,13-18; Мал. 4,2). Ҳамин тавр, ба ғолиб иштирок дар боло бурда шудан ваъда дода шудааст. Вай ба ин бо амалҳои худ комёб намегардад, балки корҳои вай оид ба ҳақиқӣ будани имонаш гувоҳӣ медиҳанд. Азбаски вай ҳақиқатан тавба кардааст, ба вай *ситораи субҳ* ато хоҳад шуд.

**2,29** Дар ин ва се номаи минбаъда баёноти *«Ҳар кӣ гӯш дорад, шунавад ...»* на пеш аз ваъда ба ғолиб, балки аз ақиби он меояд. Ин метавонад ба факти зерин ишорат намояд: тахмин карда мешавад, ки аз ҳамин ҷой сар карда, танҳо ғолиб гӯш хоҳад дошт, то *бишнавад, ки рӯҳ ба ҷамоатҳо чӣ мегӯяд.*

## Ғ Нома ба ҷамоати Сардис (3,1-6)

**3,1** *Сардис* маънои «раҳоёфтагон» ё «таҷдид»-ро дорад. Худованд ин ҷо чун *дорандаи ҳафт рӯҳи Худо ва ҳафт ситора* муаррифӣ мешавад. Рӯҳулқудс қудрати бар ҷамоатҳо ва фиристодагони он назорат карданро дорад. Ҷамоати Сардис ҷамоати имони мурда буд. Он обрӯи масеҳиёна дошт, аммо асосан танҳо маросимҳои расмии дилбазанро ба ҷо меовард. Он аз ҳаёти рӯҳонӣ лабрез набуд, ва аз худ нури фавқуттабиӣ намепошид.

**3,2-3** Худованд онро ба ғайрат ва ҷидду ҷаҳди нав даъват мекунад, то боқимондаеро, ки барои Ӯ боқӣ мондааст, *нигоҳ дорад,* агарчи ҳатто аломатҳои мурдан намоён мегардиданд. Одамон бисёр вақт барои Худо корҳои гуногунро сар мекарданд, аммо ҳеҷ гоҳ онҳоро ба охир намерасонданд. Масеҳ онҳоро огоҳ намуд, ки гарави поки имонро маҳкам *нигоҳ дошта,* аз беҳаётии худ *тавба кунанд.* Агар онҳо инро ба ҷо наоваранд, Ӯ ногаҳон *омада,* онҳоро доварӣ хоҳад кард.

**3,4** *Ҳатто дар* ҷамоати *Сардис* бақияе буд, ки шаҳодати масеҳиро аз даст надода буд. Онҳо имондороне буданд, *ки либоси худро* бо чизҳои дунявӣ *нопок накардаанд ва дар либоси сафед бо* Масеҳ *мегарданд.*

**3,5** Онҳо ҳамон ғолибоне буданд, ки рафторҳои дурусташон онҳоро чун имондорони ҳақиқӣ ишора намуданд. *Либоси сафеди* онҳо оид ба ҳаёти росткоронаашон гувоҳӣ медиҳанд. Азбаски онҳо худро чун масеҳиёни ҳақиқӣ нишон доданд, номҳояшон аз *дафтари ҳаёт* нест нахоҳад шуд.

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки *дафтари ҳаёт* номҳои ҳамаи онҳоеро дар бар мегирад, ки ҳаёти ҷисмонӣ доштанд. Мувофиқи ин нуқтаи назар, шахсе ки бо ҳаёти худ нишон

медиҳад, ки ҳақиқатан аз олами боло зода шудааст, аз дафтари ҳаёт пок намешавад, дар ҳоле ки аз рӯи мантиқ тамоми боқимондагон аз дафтари ҳаёт пок мешаванд.

Дигарон ин китобро чун дафтари номнависи онҳое мебинанд, ки ҳаёти рӯҳонӣ доранд. Ба чунин касон ваъда дода шудааст, ки номҳояшон аз дафтари ҳаёт нест намешавад, яъне онҳо аз наҷот маҳрум намешаванд. Мувофиқи ин нуқтаи назар, факти он ки номҳои баъзе касон аз дафтари ҳаёт нест намешавад, аз дафтари ҳаёт нест кардани номҳои дигаронро талаб намекунад.

Дар асоси таълимоти муназзами Навиштаи Муқаддас оид ба он ки наҷот аз рӯи файз аст, на аз рӯи амалҳо, ва дар асоси баёноти равшан, ки имондори ҳақиқӣ амнияти доимӣ дорад (Юҳ. 3,16; 5,24; 10,27-29), ояти 5 дар назар надорад, ки фарзанди Худо ба таври абадӣ нобуд шуда метавонад.

Худованди мо ваъда илова мекунад, ки Ӯ номҳои ғолибонро дар ҳузури *Падари* Худ *ва фариштагони* осмонӣ *эътироф мекунад.*

**3,6** Боз одамон ба шунидани огоҳии ҷиддӣ даъват карда мешаванд, ки аз олами боло зода нашуда, эътирофи диниро пайравӣ кардан мумкин нест.

Ҷамоат дар Сардис бисёр вақт барои тасвири давраи баъди Ислоҳот истифода мешавад, вақте Ҷамоат расмӣ, маросимӣ, дунявӣ ва сиёсӣ гардид. Дар ин ҷода ҷамоатҳои давлатии протестантӣ дар Аврупо ва дар мустамликаҳои амрикоӣ дар сафи аввал буданд.

### Д. Нома ба ҷамоати Филоделфия (3,7-13)

**3,7** *Филоделфия* маънои «муҳаббат ба бародарон»-ро дорад. Худованд ба ин ҷамоат чун Қуддус ва Ҳақ зоҳир мешавад, *ки калиди Довудро дорад, ки мекушояд ва ҳеҷ кас нахоҳад баст, ва мебандад ва ҳеҷ кас нахоҳад кушод.*

Дигар хел карда гӯем, Ӯ қудрати маъмурӣ ва назорати баҳснопазир дорад.

*Дари кушода, ки куништи яҳудӣ ва дину оини бутпарастон барои пӯшидани он оҷиз буданд, имконияте̄ст, ки Худо барои мавъиза оид ба Масеҳ ба ҳар касе ки хоҳиши шунидан дорад, додааст. Калиди Довуд истиноди Аҳди Қадим ба он аст, ки Худо барои кушодани дарҳо ва бастани даҳонҳо қудрати мутлақ дорад (ниг. Иш. 22,22).*[10]

**3,8** Ҷамоат дар Филоделфия аз Худованд танҳо суханони таҳсиномез мешунид. Ин муқаддасон амин буданд. Онҳо сахт хоҳони *амалҳои* нек буданд. Дар заъфи одамии худ онҳо ба Худованд таваккал мекарданд, ки дар натиҷа қобилияти нигоҳ доштани имон, ва дар амал татбиқ намудани онро доштанд. Онҳо *номи* Масеҳро *инкор накарданд*. Бинобар ин Ӯ *пеши* онҳо *дари кушодаи* имкониятҳоеро мемонад, ки *ҳеҷ кас наметавонад бандад.*

**3,9** Ин *яҳудиёни номдузд,* ки ба имондорони одӣ сахт муқобилат мекарданд, дар пеши онҳо шарманда хоҳанд шуд. Онҳое ки худро халқи баргузида меномиданд, агарчи дар асл *куништи шайтон* буданд, маҷбур хоҳанд шуд эътироф кунанд, ки масеҳиёне ки барои онҳо манфур буданд, дар асл рамаи интихобшуда буданд.

**3,10** *Азбаски* филоделфиягиҳо ҳақиқати Худоро нигоҳ дошта, мувофиқи таълимоти он дар пеши одамон зиндагӣ мекарданд, Худованд онҳоро *аз соати озмоиш,* ки барои имтиҳон кардани ҳамаи *сокинони рӯи замин* меояд, *нигоҳдорӣ мекунад*. Ин ваъдаи наҷот додани онҳо аз давраи Мусибати бузург аст, ки дар бобҳои 6-19 тасвир шудааст. Аҳамият диҳед: онҳо аз *соати* озмоиш нигоҳдорӣ хоҳанд шуд, яъне аз тамоми ин давра. Ҳамчунин онҳо аз ин давра (юн. «эк») нигоҳдорӣ хоҳанд шуд, на дар даруни он.

*«Сокинони рӯи замин»* истилоҳи махсус барои ифода кардани онҳоест, ки ин заминро хонаи худ меҳисобанд, «сафилони дунё, ки аз ин зиндагӣ баҳрамананд ...» (Заб. 16,14).

**3,11** Омадани Масеҳ барои муқаддасон ташвиқ ба устувории пойдор аст. Аз наздик будани он огоҳ буда, онҳо набояд ба ягон кас имкон диҳанд, ки *тоҷи* ғолибонаи онҳоро рабояд.

**3,12** Ғолиб дар Қудси қудсҳои *Худо сутун* мешавад. Ин ҷо чӣ дар назар дошта мешавад? Бешубҳа, ин қувват, шараф ва амнияти доимиро ифода мекунад. Вай ҳаргиз ин ҷои бехатар ва хурсандиро тарк намекунад. Ғолиб се номро хоҳад гирифт, ки бар вай *навишта мешавад: номи Худо, номи Уршалими нав, ки аз осмон аз ҷониби Худо фуруд меояд, ва номи нави* Худованд Исоро. Ҳамин тавр, вай чун шахсе эътироф хоҳад шуд, ки ба ҳар сеи онҳо тааллуқ дорад.

**3,13** Ҳар кӣ гӯш дорад, бигзор ин хабари рӯҳро ба ҷамоатҳо шунавад.

Ҷамоати Филоделфия аксаран рамзи растохези инҷилӣ дар асри XVIII ва оғози асри XIX, барқароршавии ҳақиқат оид ба Ҷамоат ва омадани Масеҳ, ва ҳамчунин хизмати миссионерии умумиҷаҳонӣ мебошад. Дар ҳоле ки масеҳиёни инҷилӣ барои барқароршавии бениҳоят калон дар ин давра хурсандӣ мекарданд, шайтон ба андозаи муайян кӯшиш ба харҷ дод, то Ҷамоатро бо рӯҳи шариатпарастӣ, маросимпарастӣ ва расионализм турш кунад.

## Е. Нома ба ҷамоати Лоудикия (3,14-22)

**3,14** *Лоудикия* ё «халқи ҳукмрон» ё «доварии башарӣ»-ро ифода мекунад. Худованд Исо Худро чун *Омин, Шоҳиди боваринок ва ҳақ, ибтидои офариниши Худо* муаррифӣ мекунад. Чун *Омин,* Ӯ таҷассумгари вафодорӣ ва ҳақиқат аст, Оне ки кафили ваъдаҳои Худо буда, онҳоро иҷро мекунад. Ӯ ҳамчунин Муаллифи тамоми офаридаи моддӣ ва рӯҳонии *Худо* мебошад. Баёноти «*ибтидои офариниши Худо*» маънои онро надорад, ки Ӯ Шахсияти якуми офаридашуда мебошад. Ӯ ҳаргиз офарида нашуда буд. Дурусттараш, ин маънои онро дорад, ки Ӯ ба тамоми офариниш ибтидо бахшид. Ин ҷо гуфта нашудааст, ки Ӯ ибтидо дошт, балки гуфта шудааст, ки Ӯ *Ибтидо* аст. Ӯ Сарчашмаи *офариниши Худост.* Ва Ӯ аз тамоми офаридаҳо бартар аст.

**3,15-17** Ҷамоати Лоудикия *на сард* буд, *на гарм.* Он бемаза ва *ширгарм* буд. Худованд мехост, ки он дар бепарвоӣ ё ҷидду ҷаҳди худ муайянии бештаре нишон диҳад. Аммо не, он ба дараҷаи кофӣ *ширгарм* буд, то одамонро фиреб карда, онҳоро ба фикр кардан водор намояд, ки он ҷамоати Худост, ва дар айни замон нисбати тамоми муқаддасот нафратоварона *ширгарм аст.* Ин барои Ҳақ Таоло нафратовар аст. Зиёда аз он, ба ин ҷамоат ғурур, ҷаҳолат, манманӣ ва худписандӣ хос аст.

**3,18** Худованд ба ин одамон маслиҳат медиҳад, *ки аз Ӯ тиллои дар оташ сурхшударо харанд.* Он метавонад ифодагари росткории илоҳие бошад, ки бо пул ё музди дигар намехаранд (Иш. 55,1), балки аз рӯи имон ба Исои Масеҳ чун ҳадя мегиранд. Ин ҷо имони ҳақиқӣ низ метавонад дар назар дошта шуда бошад, ки *дар оташ* имтиҳон шуда, дар рӯзи омадани Исои Масеҳ дар ҳамд, шавкат ва ҷалол зоҳир мешавад (1Пет. 1,7).

Ба ин одамон ҳамчунин маслиҳат дода мешавад, ки *либоси сафед* харанд, яъне росткории амалиро дар ҳаёти ҳаррӯза. Ва онҳо бояд ба *чашмони* худ *марҳамро бимоланд*, яъне ба воситаи таълими Рӯҳулқудс биниши ҳақиқии рӯҳониро ба даст оваранд. Маслиҳати мазкур хеле бамаврид аст, зеро Лоудикия чун маркази фаъолияти молиявӣ, махсулоти бофандагӣ, тиб ва махсусан бо истеҳсоли сурма машҳур буд.

**3,19** *Муҳаббати* Худованд нисбати ин ҷамоат дар он зоҳир мешавад, ки Ӯ онро сарзаниш намуда, ҷазо медиҳад. Агар Худованд ғамхорӣ намекард, Ӯ ташвиш ҳам намекашид. Бо меҳрубонии пуртоқат Ӯ ин ҷамоати номниҳодро даъват мекунад, ки *ғаюр буда, тавба кунад.*

**3,20** Дар оятҳои хотимавӣ чизе баён шудааст, ки Скоуфилд «ҷой ва мақоми Масеҳ дар охири давраи Ҷамоат» меномад. Ӯ берун аз ҷамоати бесадоқат мебошад, ва боадабона тақ-тақ карда, шахсони ҷудогонаро (аллакай на тамоми ҷамоатро) даъват мекунад, ки ҷамоати муртадро тарк намояд, то бо Ӯ мушоракат дошта бошад.

Тренч чунин шарҳ медиҳад:

*Ҳар шахс соҳиби хонаи дили худ аст; он ҳисори вай аст; вай бояд худаш дари худро воз кунад. Вай ҳуқуқи махсус ва бартарӣ дорад, ки аз кушодани он даст кашад. Аммо агар вай даст кашад, он гоҳ дар муҳориба ғолиби ҳақире мегардад, ки аз худписандии худ кӯр шудааст.*[11]

**3,21** Ба ғолиб ваъда дода шудааст, ки вай дар ҷалоли *тахти* Масеҳ шарик хоҳад буд ва бо Ӯ бар замин ҳазор сол ҳукмронӣ хоҳад кард. Онҳое ки дар ҳақирӣ, радшавӣ ва азобҳо шарики Ӯ мебошанд, дар ҷалол низ бо Ӯ шарик хоҳанд буд.

**3,22** Сипас ба шунаванда бори охирин маслиҳати ҷиддӣ дода мешавад, ки ба овози Рӯҳ гӯш диҳад.

Дар тавре ки мо китоби Ваҳйро маънидод намоем, наметавон инкор кард, ки ҷамоати Лоудикия возеҳу равшан замонеро тасвир менамояд, ки мо дар он зиндагӣ мекунем. Дар ҳама ҷо мо ҳаётро дар ҳашамат мебинем, дар ҳоле ки ҷонҳо бе Хушхабар нобуд мегарданд.

Масеҳиён ба ҷои салибҳо тоҷҳо мебардоранд. Мо назар ба меҳнат барои Масеҳ, бештар ба варзиш, сиёсат ё телевизион майл дорем. Дарки ками эҳтиёҷи рӯҳонӣ, кӯшиши кам барои растохези ҳақиқӣ. Қисми беҳтарини ҳаёти худро мо ба дунёи соҳибкорӣ медиҳем, ва танҳо бақияи ҳаёти масрафшударо ба Наҷоткор месупорем. Мо хоҳишҳои ҷисмҳои худро ки пас аз якчанд соли кӯтоҳ ба хок табдил меёбанд, ба ҷо меоварем. Мо ба ҷои сарф кардан ғун мекунем, ва ба ҷои дар осмон ганҷ андӯхтан дар замин ганҷ ҷамъ мекунем. Ақидаи қабулшудаи умум чунин аст: «Барои халқи Худо ҳеҷ чиз бениҳоят хуб буда наметавонад. Агар ман худро дилхуш накунам, пас кӣ мекунад? Биёед дар дунё комёб шавем, бегоҳирӯзиҳои озоди худро бошад, ба Худованд бибахшем». Чунин аст ҳолати мо дар арафаи бозгашти Масеҳ.

## III. ОН ЧИ БАЪД АЗ ИН БОЯД РӮЙ ДИҲАД (Б. 4–22)

Акнун мо ба қисмати сеюм ва асосии Ваҳӣ мепардозем. Се боби аввал давраи Ҷамоатро аз замони расулон то боло бурда шудан тасвир мекарданд. Аз ҳамин боб сар карда, мавзӯи китоб чунин аст: «Он чи баъд аз ин бояд рӯй диҳад».

Дар миёни бобҳои 3 ва 4 қатъшавии аён ҳаст. Аз ҳамин лаҳза сар карда дар ҳеҷ ҷо зикр намешавад, ки Ҷамоат дар замин аст. Пас бо он чӣ рӯй дод? Ба фикри мо, Худованд дар охири боби 3 онро ба осмон бурд.

Азбаски муқаддасон ба осмон кӯчонда шудаанд, Худованд муносибатҳои Худро бо халқи Исроил барқарор хоҳад кард. Баъд Мусибати бузург сар мешавад. Дар ин давраи ҳафтсола Худованд бо халқи яҳудӣ, ки як вақтҳо Масеҳро рад карда буданд, сару кор хоҳад дошт. Онҳое ки ба Масеҳ дар замони Мусибати бузург бозгашт мекунанд, наҷот ёфта, ба Подшоҳии пурҷалол дар замин дохил мешаванд, дар ҳоле ки радкунандагони Ӯ нобуд мешаванд.

Дар ибтидои Мусибати бузург шумораи зиёди яҳудиён ба замини Исроил дар беимонӣ бармегарданд (Ҳиз. 36,24.25). Ҳукумати ҷаҳонии Рум бо ҳукумати Исроил паймон баста, ба онҳо озодии парастишро кафолат медиҳад (Дон. 9,27). Дар асл, сеюним соли аввали мусибати бузург, нисбатан мулоим хоҳанд буд. Худованд Исо ин солҳоро дар Инҷили Матто 24,4-14 тасвир намудааст.

Дар миёнаи Мусибати бузург дар парастишгоҳи Уршалим тасвири бут гузошта мешавад, ва одамон маҷбур мешаванд, ки ба он саҷда кунанд, дар акси ҳол онҳо аз ҳаёт маҳрум мешаванд (Мат. 24,15). Ин аломати ибтидои Мусибати бузург, замони фалокатбор барои Яъқуб, давраи чунин азобҳое хоҳад буд, ки ҷаҳон то ҳол надида буд, ва бори дигар нахоҳад дид (Мат. 24,21).

Боби 4 моро ба ибтидои Мусибати бузург ворид месозад. Амали аввалин дар осмон рӯй медиҳад, ки дар он ҷо ба Юҳанно ато шудааст, то ҷалоли Худоро бинад. Худованд бисёр вақт, пеш аз он ки ба пайғамбарон пешгӯӣ кардани ояндаро иҷозат диҳад, ҷалоли Худро ба онҳо зоҳир менамуд (Иш. 6; Ҳиз. 1). Пеш аз он ки ба Юҳанно иҷозат дода шуд, ки таърихи ояндаи Ҷамоатро нависад, вай дар боби 1 ҷалоли Масеҳро дида буд. Акнун ба вай имкон дода мешавад, ки Худоро бинад, пеш аз он ки оид ба довариҳое донад, ки бар Исроили беимон ва бар бутпарастон фурӯ хоҳанд рехт.

### А. Дидани тахти Худо (Б. 4)

**4,1** *Овозе* ки Юҳанноро даъват мекунад, то ба осмон боло равад, овози Масеҳ аст (ниг. о. 10-20). Бисёр муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас чунин мешуморанд, ки даромадани Юҳанно ба осмон ифодагари ба хона бурда шудани Ҷамоат аст, то дар ин вақт он бо Худованд бошад (1Тас. 4,13-18; 1Қур. 15,51-53). Худованд Исо ваъда медиҳад, ки ба Юҳанно *он чиро нишон медиҳад, ки пас аз ин бояд рӯй диҳад.* Ин суханон бо қисми охирини ояти 1,19 монанд ҳастанд, ва дуруст будани интихоби ин оятро чун яке аз бандҳои нақшаи китоб тасдиқ мекунанд.

**4,2-3** *Рӯҳ* ба таври махсус Юҳанноро фаро гирифт, ва ӯ *дарҳол* Худои абадиро дид, ки бар *тахти* Худ дар ҷалол ва ҳашамат нишастааст.

Баъзеҳо ба аксари дастнависҳо пайравӣ намуда калимаҳои *«Нишинандае буд»-ро* партофта, *санги алмос* ва *ақиқи сурхро* аз Худи Худованд дида бештар барои тасвири тахт

истифода мебаранд. Аммо ин сангҳои қиматбаҳо Худи Худовандро низ тасвир карда метавонанд. Дар синабанди саркоҳин санги яшм ифодагари нахустзодаи Яъқуб, Реубен, буд, ақиқ бошад, ифодагари писари охирин – Бинёмин. Номи «Реубен» маънои «инак, писар», «Бинёмин» бошад, «писари ямини ман»-ро дорад. Валвурд ин ду сангро чун дарбаргирандаи ҳамаи сангҳои боқимондае меҳисобад, ки ифодагари тамоми халқи Худо мебошанд, Шахсияти дар тахт нишастаро бошад, чун Худо дар иттиҳод бо халқи Исроил.[12]

*Рангинкамон,* аз афташ, халқаи сабзранг, ки *монанди зумуррад* аст, ваъдаи он аст, ки Худо сарфи назар аз довариҳои меомада ваъдаҳои Худро дигар нахоҳад кард.

**4,4** Мо наметавонем бо дилпурӣ гӯем, ки ин *бисту чор пир* киҳоянд. Онҳоро чунин меҳисобанд: фариштагон; наҷотёфтагони Аҳди Қадим ва Аҳди Нав, ё танҳо наҷотёфтагони Аҳди Нав. Тоҷ доштан ва бар тахтҳо нишастани онҳо асос медиҳад, то тахмин кунем, ки ба онҳо аллакай баҳо дода, онҳоро мукофотонидаанд.

**4,5** Маълум аст, ки *тахт* ин ҷо тахти довар аст – бо *барқҳо, тундарҳо* ва *овозҳои* даҳшатангезаш. *Ҳафт машъали оташин* ифодагари Рӯҳулқудс дар пуррагӣ ва бузургии Ӯст. Рӯҳи Худо танҳо яктост, аммо рақами ҳафт ин ҷо рамзи камолот ва пуррагӣ мебошад.

**4,6** *Баҳре аз шиша, монанди булӯр* ба мо оид ба он мегӯяд, ки тахт дар маконест, ки он ҷо онро ҳамлаҳои хавотировар ва девонавори ин ҷаҳон, ё муқобилатҳои гуноҳкорон, ки ба баҳри туғёнкунанда монанданд, ба ташвиш намеоваранд.

Назди тахт *чор мавҷуди зинда, ки аз пеш ва аз пас пур аз чашмон буданд.* Ин дар бораи равшанӣ, пахноварӣ ва қуввати биниш гувоҳӣ медиҳад.

**4,7-8** Гуфтан душвор аст, ки ин *чор мавҷуди зинда* киҳо буданд. Як чизро мо аниқ медонем, ки онҳо махлуқони офаридашуда ҳастанд, зеро ба Худо саҷда мекунанд. Ба назар чунин менамояд, ки онҳо каррубиёнро аз Ҳизқиёл 10 ва сарофиёнро аз Ишаъё 6 дар бар мегиранд. Ояти 7 каррубиёнро тасвир мекунаду ояти 8 сарофиёнро. Ин фариштагон тахти Худоро посбонӣ мекунанд. Шояд, каррубиён бо доварии сӯзон ва сарофиён бо поккунии гудозанда монанд карда мешаванд.

Тасвире ки дар ояти 7 дода шудааст, бо тасвири Масеҳ дар Инҷилҳо ҳамоҳангиҳо дорад:

*Шер* – Матто – Подшоҳ.

*Гӯсола ё барзагов* – Марқус – Хизматгор.

*Одам* – Луқо – Писари Одам.

*Уқоб* – Юҳанно – Писари Худо.

Мавҷудҳои зинда дар бораи покӣ ва абадияти Худо суруди тамомнашаванда мехонанд. Дар бисёр дастнависҳо калимаи *«қуддус»* ин ҷо нӯҳ бор такрор мешавад: усули махсус, ки мақсадаш таъкид кардани сегонагист.

**4,9-10** Ва ҳангоме ки он мавҷудҳои зинда Тахтнишинро, ки то абад Зинда аст, ҷалол медиҳанд, он бисту чор пир пеши тахт афтода, ба Ӯ, ки то абад Зинда аст, саҷда мекунанд, ва тоҷҳои худро пеши тахт мегузоранд.

**4,11** Саҷдаи онҳо онро тасдиқ мекунад, ки Худованд сазовори ҷалол, иззат ва қудрат аст, зеро Ӯ ҳама чизро офаридааст ва ҳама чиз бо хости Ӯ вуҷуд дорад.

Ин руъё моро барои он чи рӯй медиҳад, омода месозад. Худо дар назари мо чун Ҳокими қудратманди олам метобад, ки бар тахти ҷалоли Худ нишаста, Ӯро ҳайвонҳои сар ба саҷда бурда иҳота менамоянд ва Ӯ омода аст довариҳои Худро бар замин фурӯ резонад.

## Б. Барра ва китобе ки бо ҳафт муҳр баста шудааст (Б. 5)

**5,1** Мо ин ҷо Худоеро мебинем, ки дар даст *китоберо* медорад, *ки бо ҳафт муҳр баста шудааст.* Дар китоб довариҳое тасвир ёфтаанд, ки бояд ба замин фурӯ резанд, пеш аз он ки Худованд Исо Подшоҳии Худро дар он барпо карда тавонад.

**5,2-3** *Фариштаи боқуввват* хитоб намуда, онеро меҷӯяд, ки *сазовори воз кардани ин китоб ва бардоштани муҳрҳо* яке паси дигар *мебошад.* На дар осмон, на бар замин, на дар зери замин *ҳеҷ каси* сазовор ёфт нашуд, ки онро воз намуда, бихонад. На фаришта, на одам, на дев барои ба ҷо овардани ҳукм ҳикмат ва дониши зарурӣ надоштанд.

**5,4** Юҳанно бисёр *гиря кард,* вақте *ҳеҷ каси сазоворе ёфт нашуд.* Оё ин маънои онро дорад, ки дар замин ҳукмронии беадолатӣ идома хоҳад ёфт, ва одилон асло сафед намешаванд, ва гуноҳкорон беҷазо мемонанд? Оё

ин маънои онро дорад, ки Подшоҳӣ намеояд, зеро покшавии зарурии замин ба амал намеояд?

**5,5** *Яке аз пирон* Юҳанноро бо хабари хушнудкунанда оид ба он тасалло дод, ки *Шер аз қабилаи Яҳудо, решаи* (Офаридагор ва Асосгузор) *Довуд* сазовори он шуд, ки *китоб ва ҳафт муҳри онро кушояд* ва, ҳамин тарик, довариҳоро ба амал оварад. Исо ба шарофати ҳикмати бепоёни Худ, муқаррароти илоҳӣ (Юҳ. 5,22.27), бартарии шахсӣ ва *ғалабае* ки Ӯ дар Ҷолҷолто ба даст овард, сазовори Довар будан аст.

Дар Ваҳй Худованди мо ҳам чун Барра ва ҳам чун Шер нишон дода шудааст. Чун Барраи Худо, Ӯ қурбонӣ шуда, бори гуноҳҳои ҷаҳонро бар Худ гирифт. Чун Шер, Ӯ Доварест, ки душманони Худро ҷазо медиҳад. Ҳангоми омадани якуми Худ Ӯ Барра буд. Бори дуюм ба замин омада, Ӯ Шер хоҳад буд.

**5,6** Вақте Юҳанно назар андохт, *тахтро* дид, ки *чор мавҷуди зинда ва пирон* иҳотааш карда буданд. Дар миёни тахт *Барраи* хурде *меистод,* ки *гӯё* навакак *кушта шудааст.* Барра *ҳафт шох* (тавоноӣ) ва *ҳафт чашм* (ҳамадонӣ) дошт. *Ҳафт рӯҳи Худо* доштани Ӯ ба мо ёдрас менамояд, ки ба Худованд Исо Рӯҳулқудс бемизон ато шудааст (Юҳ. 3,34). *Ҳафт рӯҳи Худо, ки ба тамоми замин фиристода шудаанд,* ломакон буданро ифода мекунанд.

**5,7-8** Ҳамин ки Барра китоби довариро *аз дасти рости* Худо Падар *гирифт, он чор мавҷуди зинда ва пирон пеши Барра* афтоданд. *Ҳар яке чанг ва косаи тилло пур аз бухур дошт,* ки рамзи *дуоҳои муқаддасон* буд, шояд, дуои риёзаткашоне ки барои интиқоми хуни худ ба Худо фиғон мекашиданд (6,10).

Агарчи онҳо дуоҳоро нигоҳ медоштанд, аз ин хулоса баровардан мумкин нест, ки онҳо дуоҳоро назди Худо оварданд ё дар ҷавоб ба онҳо ягон хел иштирок намуданд.

**5,9-10** Дар *суруди нави* худ онҳо Барраро *сазовори* доварӣ кардан эълон намуданд, зеро Ӯ кори наҷотро дар салиб ба ҷо оварда буд. Савол ба миён меояд: оё онҳо худро ба шумораи наҷотёфтагон дохил мекунанд *(«моро барои Худо ... харидӣ»)* ё чунон ки дар баъзе вариантҳои дастнавис навишта шудааст, «бо Хуни Худ барои Худо аз ҳар сибт ва забон ва қавм ва қабила харидӣ»?[13]

Ба ғайр аз наҷот додан Худованд имондоронро *подшоҳон ва коҳинон гардонд,* то ки барои Ӯ хизмат кунанд, дар борааш шаҳодат диҳанд ва дар Подшоҳии Ҳазорсола бо Ӯ *бар замин* ҳукмронӣ кунанд.

**5,11** Ба *мавҷудҳои зинда* ва *пирон* дастаи сарояндагони иборат аз *фариштагони бисёр* ҳамроҳ шуданд, дастаи сарояндагоне ки миллионҳо, ё шояд, миллиардҳо овозро дар бар мегирифт, ки дар ҳамоҳангии ягонаву комил як шудаанд.

**5,12** Имондорон дар давоми тамоми абадият суруди зеринро мехонанд: *Барраи кушташуда сазовори он аст, ки ... ёбад:*

*қудрат* – бар ҳаёти ман, бар Ҷамоат, бар ҷаҳон, бар олам;

*сарват* – тамоми нуқраи ман ва тамоми тиллои ман;

*ҳикмат* – беҳтарини қобилиятҳои ман;

*қувват* – қувваи ҷисмонии ман барои хизмат кардан ба Ӯ;

*иззат*– хоҳиши ягона ва беғараз барои ситоиш кардани Ӯ дар ҳамаи роҳҳоям;

*ҷалол*– ҳаёти дарунии ман, ки барои ҷалол додани Ӯ бахшида шудааст;

*ситоиш* – тамоми қудрати ҳамди маро барои Ӯ.

**5,13** Акнун мусиқӣ диапазонро васеътар намуда, мавҷи пурмуҳтаво ва бузурги суруди мавзун мегардад. *Ҳар офаридае ки дар осмон, ва бар замин аст* ба эълони *ситоиш ва иззат ва ҷалол ва қудрати* ҷовидонӣ ба Худо Падар ва *Барра* пайваст шуд.

Ин оят бо Филиппиён 2,10.11 шабоҳат дорад. Дар он гуфта мешавад, ки пеши номи Исо ҳар зону ҳам шуда, ҳар забон Ӯро чун Худованд эътироф хоҳад намуд. Вақти муайян нишон дода намешавад, аммо, шояд, ин пас аз он рӯй медиҳад, ки ҳамаи наҷотёфтагон барои ҳаёти ҷовидонӣ зинда мешаванд, ва сипас баъди он ки ҳамаи наҷотнаёфтагон барои маҳкумияти ҷовидонӣ зинда мешаванд. Имондорон аллакай Исоро чун Худованд эътироф намудаанд, ва он гоҳ беимонон низ маҷбур мешаванд Ӯро ҷалол диҳанд. Ҳақиқати кафолатнок аст, ки тамоми олам Падар ва Писарро иззат хоҳад кард.

**5,14** Анҷом! Ҳангоме ки чор мавҷуди зинда «омин» мегӯянд, пирон афтода, ба Худованд, ки ба тахт нишастааст, саҷда мекунанд.

## В. Бардоштани ҳафт муҳр (Б. 6)

**6,1-2** *Вақте Барра* муҳри аввалро *кушод, яке аз он чор мавҷуди зинда* нидокунон гуфт: *«Биё ва бин»*. Ҳамон дам саворе пайдо шуд, ки *камон* дошт, шояд, зиддимасеҳ; вай бар *аспи сафед* савор шуда, *пирӯзмандона* берун омад, то ғалаба кунад. Шояд, ин ҷо чизе тасвир мешавад, ки имрӯзҳо ба мо чун «ҷанги сард» маълум аст. *Камон* дар бораи таҳдиди ҷанг мегӯяд, тир бошад зикр намешавад. Шояд, ин ҷо ҳатто рафти ҷанг бо истифодаи мушакҳо тахмин карда мешавад, зеро камон силоҳи ҷангиест, ки дар масофа кор фармуда мешавад. Савор дар асл ҷангро *сар намекунад;* ҷанг то даме ки муҳри дуюм бардошта нашавад ва аз замин осоиш гирифта нашавад, оғоз намешавад.

**6,3-4** *Мавҷуди зиндаи дуюм* дар бораи омадани савори дуюм хабар дод. Ин савора бо худ *шамшери бузург* дошт, ва бар *аспи оташгун* нишаста буд. *Шамшер* барои ҳарбу зарби тан ба тан лозим аст. Ҳамин тавр, муҳри дуюм пешбинӣ мекунад, ки лашкарҳои ҷангкунанда дар ҷанги тан ба тан сахт мубориза хоҳанд бурд. Савори дуюм *осоишро аз замин* мегирад.

**6,5-6** Ба *мавҷуди зиндаи сеюм* итоат намуда, саворе пайдо мешавад, ки дар дасти худ *тарозу* дошт, ва бар *аспи сиёҳ* менишаст. Ин тасвири гуруснагист, ки одатан аз ақиби ҷанг меояд. *Овозе аз миёни он чор мавҷуди зинда* эълон намуд, ки *гандум ва ҷав* бо нархи хеле гарон фурӯхта мешаванд. *Тарозуро* барои баркашидани меъёри гандум истифода мебурданд; ҳамин тавр, он рамзи гуруснагист. Баёноти *«вале ба равғани зайтун ва май зарар нарасон»-ро* маънидод кардан душвор аст. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин хӯрок барои камбағалон аст. Агар онҳо махсулоти асосии ғизо ҳисоб мешуданд, он гоҳ бояд ба андозае нигоҳ дошта мешуданд, ки барои зистан лозим буд. Аммо ба назар бештар чунин менамояд, ки ин ҷо ашёи дабдабаноки сарватдорон дар назар дошта мешаванд: таърихан чунин воқеъ шудааст, ки ҳатто ҳангоми гуруснагӣ сарватдорон метавонанд барои ҳаловат бурдан чизи барояшон даркориро дастрас кунанд.

**6,7-8** *Мавҷуди зиндаи чорум аспи рангпаридаро* даъват намуд, ки *марг ва дунёи мурдагон* савори он буданд. *Марг* ба бадан фикран монанд карда мешавад, дунёи мурдагон ё ҳадес ба рӯҳ ва ҷон. Ҷанг, қахтӣ, вабо ва *ҳайвонҳои ваҳшӣ чоряки* сокинони заминро ба ҳалокат мерасонанд. Ба назари мо чунин менамояд, ки имрӯзҳо эпидемияҳо ба мо аллакай таҳдид намекунанд, зеро мо антибиотикҳои замонавӣ ва доруҳои олидараҷа дорем. Аммо бемориҳои ҷиддии ҳалокатовар мағлуб нашудаанд, балки андак фурӯ нишонда шудаанд. Онҳо метавонанд аз нав авҷ гирифта, дар саросари замин бо суръати ҳавопаймоҳо паҳн шаванд.

**6,9** Ин ҷо мо бо аввалин риёзаткашони Мусибати бузург (Мат. 24,9), имондорони яҳудӣ, рӯ ба рӯ мешавем, ки барои мавъиза кардани Хушхабари Подшоҳӣ баромаданд ва *барои шаҳодати* худ *кушта шуданд. Ҷонҳои* онҳо *дар таги қурбонгоҳ* дар осмон мебошанд.

**6,10** *Онҳо* ба Худованди *Фармонраво* фиғон кашида мегӯянд, ки *қасоси хуни* онҳоро гирад. Чунон ки пештар зикр шуда буд, ибораи *«сокинони замин»* ба беимононе дахл дорад, ки заминро хонаи худ интихоб намуданд.

**6,11** Ба ин риёзаткашон *либоси сафед* – рамзи росткорӣ дода шуд. Ба онҳо гуфта шудааст, ки каме интизор шаванд, то даме ки шумораи ниҳоии риёзаткашони Мусибати бузург *пурра шавад.*

**6,12-13** Бардошта шудани *муҳри шашум* боиси дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар дар табиат шуд. *Заминҷунбии сахте* замину баҳрро ба ларза овард, дар миёни сайёраҳо бошад бесарусомонӣ рӯй дод. *Офтоб* сиёҳ шуд, ва *моҳтоб* мисли *хун* сурх гашт. *Ситораҳо ба замин афтоданд,* мисли *дарахти анҷире ки* аз ҷунбиши сахт *анҷирҳои* хоми худро мепартояд.

**6,14** *Осмон* нопадид шуд, гӯё онро мисли тӯморе *печонда бошанд. Ҳар кӯҳ ва ҷазира* бо ҷойивазкунии шиддатноки қабатҳои замин аз ҷои худ ҷунбид.

**6,15** Ҳайратовар нест, ки тамоми табақаҳои ҷамъиятро воҳима фаро гирифт. Бо дарки он ки Худо ғазаби Худро фурӯ мерезонад, *онҳо дар ғорҳо ва шаххҳои кӯҳҳо пинҳон шуданд.*

**6,16-17** Барои онҳо беҳтар буд, ки зери харобаҳои *кӯҳҳо ва сангҳои афтанда* нобуд гарданд, назар ба он ки мубталои ҷазои Худо ва *ғазаби Барра* гарданд. Онҳо бениҳоят дер фаҳмиданд, ки ҳеҷ исёнгар ба ғазаби Барра *истодагӣ намуда* наметавонад.

## Г. Онҳое ки дар давраи Мусибати бузург наҷот ёфтанд (Б. 7)

Боби 7 дар байни муҳрҳои шашум ва ҳафтум ҷойгир буда, ифодагари ду гурӯҳи махсуси имондорон мебошад. Ин боб ба саволе ки дар охири боби 6 дода шуда буд, ҷавоб мегардонад: «Кист, ки битавонад истодагӣ намояд?» Онҳое ки дар ин боб тасвир шудаанд, ба он маъно истодагӣ менамоянд, ки афв мешаванд, то ба Подшоҳии Ҳазорсола бо Масеҳ дохил шаванд.

**7,1-4** Дидани *чор фариштаи дар чор гӯшаи замин истода, ки чор боди заминро нигоҳ медоштанд,* маънои онро дорад, ки ба қарибӣ дар ҷаҳон тӯфони бузурги бошиддат рӯй хоҳад дод. Аммо ба ин фариштагон гуфта шуд, ки ин фалокати даҳшатангезро то даме боздоранд, ки *бар пешонии бандагони Худо муҳр зада* шавад. Он гоҳ аз ҳар дувоздаҳ *қабилаи банӣ Исроил* дувоздаҳ ҳазор нафарӣ *муҳр зада шуданд.*

**7,5-8** Саду чилу чор ҳазор нафар, бешубҳа, имондорони яҳудӣ ҳастанд, на аъзоёни кадом як фирқаи замони ҳозира. Ин муқаддасони яҳудӣ ба Худованд дар аввали Мусибати бузург наҷот ёфтанд. Муҳр дар пешонӣ ифодагари он аст, ки онҳо моликияти Худо мебошанд, ва кафолат медиҳад, ки дар ҳафт соли оянда ҳаёти онҳо дар амон хоҳад буд.

Дар рӯйхат ду сибт зикр нашудааст: Эфроим ва Дон. Шояд онҳо аз он сабаб ба рӯйхат дароварда нашудаанд, ки дар бутпарастӣ пешсаф буданд. Баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки зиддимасеҳ аз сибти Дон ба вуҷуд меояд (Ҳас. 49,17). Сибтҳои *Юсуф* ва *Левӣ* ба рӯйхат дароварда шудаанд; *Юсуф,* бешубҳа, ҷои писари худ Эфроимро ишғол мекунад.

**7,9** Одамоне ки дар ин қисми боб тасвир ёфтаанд ғайрияҳудиёни *ҳамаи халқҳо ва қабилаҳо ва қавмҳо ва забонҳо* мебошанд. Онҳо дар тан либоси сафед дошта, *дар пеши тахт ва дар пеши Барра* истодаанд (амалҳои росткоронаи муқаддасон; 19,8) ва *шохаҳои нахлро,* ки рамзи ғалаба аст, ба даст гирифтаанд.

**7,10** Инҳо ғайрияҳудиёне ҳастанд, ки ҳангоми Мусибати бузург наҷот меёбанд, зеро ба Худованд Исо эътимод намуданд. Дар суруд онҳо оид ба *наҷоти* худ шодӣ изҳор намуда, онро ба *Худо ва Барраи* худ нисбат медиҳанд.

**7,11-12** *Фариштаҳо, пирон ва чор мавҷуди зинда* ба онҳо ҳамроҳ шуда, ба *Худо* саҷда карданд, агарчи дар суруди ситоишии онҳо мавзӯи наҷот нест. Яке аз мураттибони суруди ситоишӣ гуфта буд: «Фариштагон ҳаргиз он хурсандиеро, ки наҷотамон ба мо мебахшад, эҳсос намекунанд». Аммо онҳо Ӯро ҷалол дода, эътиборашро бо ҳафт навъи махсуси эҳтиром эълон мекунанд.

**7,13-14** Вақте *яке аз пирон* Юҳанноро пурсид, ки ин *сафедпӯшон кистанд, ва аз куҷо омадаанд,* Юҳанно иқрор шуд, ки намедонад, аммо хоҳиши донистанро изҳор намуд. Он гоҳ пир фаҳмонд, ки онҳо *аз азоби сахт омадаанд; онҳо либосҳои худро шуста, бо хуни Барра сафед кардаанд.* «Вақте мо рӯ ба рӯи асрори маънидоднопазир меистем, – менависад Ф. Б. Майер, – чӣ тасаллоест барои мо, вақте мо имконият дорем, то бо имони мустаҳкам чунин бигӯем: «Ту медонӣ»».

**7,15** Пир маънидодкунии ҳолати кунунӣ ва хизматгузории ин одамонро идома дод.

Муҳаққиқони Навиштаи Муқаддас боварии қатъӣ надоранд, ки мо ин шумораи зиёди ғайрияҳудиёнро дар куҷо мебинем: дар осмон ё дар Подшоҳии Ҳазорсола дар замин. Баракатҳои тасвирёфта барои ҳар ҷой дурустанд. Агар Подшоҳии Ҳазорсола дар назар дошта шавад, он гоҳ тахти Худо ва *ибодатхонаи Ӯ* парастишгоҳест, ки дар Уршалим дар давраи Подшоҳӣ хоҳад буд (Ҳиз. 40-44). Ба баракатҳои тасвирёфта диққат диҳед: Наздикии мутлақ: *бинобар ин дар пеши тахти Худоянд.* Хизматгузории комил: *рӯзу шаб дар ибодатхонаи Ӯ ба Ӯ ибодат мекунад.* Мушоракати комил: *Тахтнишин хаймаи Худро бар онҳо барпо мекунад.*

**7,16** Қаноатмандии комил: *онҳо дигар гурусна ва ташна намемонанд.* Амнияти мутлақ: *онҳоро офтоб ва ҳеҷ гармо намесӯзонад.*

**7,17** Роҳнамоии комил: Баррае ки дар миёнаи тахт аст, онҳоро чӯпонӣ мекунад, ва онҳоро ба чашмаҳои оби ҳаёт мебарад.

Хурсандии комил: Худо ҳар як ашкро аз чашмонашон пок мекунад.

## Ғ. Муҳри ҳафтум. Ҳафт карнай ба навохтан сар мекунанд (Б. 8 ва 9)

**8,1** Пас аз дарундостони боби ҳафтум, ки дар он ду гурӯҳи муқаддасони Мусибати бузургро дидем, мо ба *муҳри ҳафтум,* яъне охирин,

омада расидем. Бардоштани муҳр чун *хомӯшии* нимсоата *дар осмон,* оромии даҳшатангез, ки пеш аз ҷазоҳои авҷгирандаи доимӣ мебошад, тасвир шудааст.

**8,2** Ҳангоме ки муҳри ҳафтум кушода шуд, дар бораи ҳеҷ ҷазои махсус зикр намешавад. Нақл дарҳол ба довариҳои ҳафт карнай мегузарад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳри ҳафтум *ҳафт карнайро* дар бар мегирад.

**8,3-4** Аксар вақт тахмин мекунанд, ки *Фаришта* дар ин оят Худованд Исост. Дар Аҳди Қадим Ӯ Фариштаи Худованд номида шудааст (Ҳас. 16,13; 31,11.13; Дов. 6,22; Ҳуш. 12,3.4). *Дуоҳои ҳамаи муқаддасон* ба воситаи Ӯ ба ҳузури Худо боло мераванд (Эфс. 2,18). Ӯ *бухури бисёре* мегирад, то бо *дуоҳо* онро бар қурбонгоҳ *тақдим кунад. Бухур* аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳам Худи Ӯ ва ҳам хизмати Ӯ атри гуворост. Замоне ки *дуоҳо* ба Худо рафта мерасанд, бенуқс ва таъсирбахш мегарданд.

Дар матни мазкур *ин дуоҳо* ба муқаддасоне тааллуқ доранд, ки дар миёни Мусибати бузург буда, аз Худованд металабанд, ки ба душманонашон подош диҳад, агарчи тартиби зикршуда барои ҳамаи дуоҳо дуруст аст.

**8,5** Дар ҷавоб ба дуоҳои онҳо *Фаришта* лахчаҳои оташро *бар замин партофт,* ва онҳо боиси таркишҳои сахт, *тундарҳо, чароғакҳо ва заминҷунбӣ* гардиданд. Чунон ки Х. Б. Свит мегӯяд, «дуоҳои муқаддасон ба замин бо ғазаб баргаштанд».[14] Ҳамин тавр, довариҳои ҳафт карнай боиси ҷунбишҳои сахт дар табиат мешаванд.

**8,6** Ин ҷо мо ба мобайни давраи Мусибати бузург мерасем. Ин довариҳои карнай моро ба замоне меоваранд, ки Масеҳ ба замин фуруд меояд, ва душманонашро нобуд сохта, дар бораи омадани Подшоҳии Худ хабар медиҳад. Чор ҷазои аввал ба муҳити гирду атрофи одам таъсир расонда, сетои охиринаш дар худи одам инъикос меёбанд. Бисёр тафсиркунандагон монандиро миёни ин ҷазоҳо ва мусибатҳои Миср зикр мекунанд (Хур. 7-12).

**8,7** Вақте *фариштаи якум карнай навохт, жола ва оташ омехта бо хун сеяки дарахтон ва алафро* сӯзонд. Агар сода карда фаҳмонем, ин мусибатҳои даҳшатнок ҷойҳоеро фаро мегиранд, ки одам аз он ҷо қисми асосии хӯроквории худро ба даст меоварад.

**8,8-9** Сипас *чизе монанди кӯҳи азими* оташ *ба баҳр партофта шуд, сеяки баҳрро ба хун* табдил дод, *сеяки* махлуқҳои ҷондори баҳрро нобуд кард ва *сеяки киштиҳоро* зери об намуд. Ин на танҳо боз бештар захираҳои хӯрокввориро кам мекунад, балки одамонро аз имконияти пайдо кардани он дар ҷойҳои дурдаст низ маҳрум месозад.

**8,10-11** Бо баромадани овози карнайи сеюм аз осмон *Явшон* ном ситораe афтод, ки аз он *сеяки* тамоми *сарчашмаҳои об* барои одам *талх* гардид. Эҳтимол, ин оби талх заҳрнок буд, зеро *бисёре аз одамон мурданд.* Чӣ будани *«Явшон»-ро* муайян кардан душвор аст. Вақте карнай садо медиҳад, ин оятҳо барои сокинони замин хеле фаҳмо хоҳанд шуд. Ҳангоми омӯхтани пайғамбарӣ дар ёд доштан фоиданок мебуд, ки чизи бисёр то даме ки ба амал наояд, барои мо нофаҳмо хоҳад буд.

**8,12** Аён аст, ки *офтоб, моҳ ва ситорагон* чунон зарар мебинанд, ки танҳо сеяки равшании маъмулиро дода метавонанду халос. Карнайи чорум бо торикие монандӣ дорад, ки бо он Миср ҷазо дода шуда буд.

**8,13** Уқобе[15] ки дар миёнаи осмон *парвоз мекард,* се бор бо овози баланд нидо карда гуфт: *«Вой бар ҳоли сокинони замин»,* яъне ба онҳое ки ақидаҳояшон тамоман дунявист, онҳое ки хонаашон замин аст, онҳое ки имондорони ҳақиқӣ нестанд. Се ҷазои боқимонда аз боиси оқибатҳои ҳалокотовари худ барои одамон чун се мусибат маълуманд.

**9,1-2** *Ситораи аз осмон ба замин афтода* фариштаи *афтода* ё ҳатто худи шайтон буда метавонад. Вай *калиди* чуқурии бепоён, ё *асфалуссофилин* дошт. Ин ҷои сукунати девҳост. Вақте вай чоҳи асфалуссофилинро *воз кард,* аз он тӯдаи *дуде* мисли дуди *кӯраи* бузург берун омад, ва гирду атрофро торик гардонд.

**9,3-4** *Аз дуд* шумораи зиёди *малахҳо* баромаданд, ки мисли *каждум* неш зада метавонистанд. Аммо *қудраташон* маҳдуд буд. Онҳо наметавонистанд ба алаф зарар расонанд. Туъмаи онҳо *одамоне* буданд, *ки бар пешонии худ муҳри Худоро надоранд,* яъне беимонон.

**9,5-6** Газидани малах ҳалокатовар набошад ҳам, он боиси *азобе* мегардид, ки *панҷ моҳ* давом мекард. Азобҳо чунон сахт буданд, ки *одамон* мурданро орзу мекарданд, аммо намемурданд. Эҳтимол, малах рамзи девҳоест, ки аз асфалуссофилин озод шуда, мардону

занонро гирифтори девонагӣ мекарданд. Ин гирифторшудагон азобҳои сахти ҷисмонӣ ва рӯҳиеро аз сар мегузаронданд, ки шахсе ки дар он фавҷи девҳо буд, аз сар гузаронда буд (Марқ. 5,1-20).

**9,7** Мақсади тасвири *малаххо* ба амал овардани таассуроти забт ва ғалаба аст. Чун *аспҳое ки барои ҷанг ороста шуда бошанд,* онҳо лашкари ғалабакунанда буданд. *Тоҷҳои тиллое ки бар сарҳошон буданд,* ба он ишора мекунанд, ки ба онҳо қудрати идора кардани ҳаёти одамон ато хоҳад шуд. *Рухсораҳое* ки мисли рухсораҳои одамон буданд, оид ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо махлуқҳои боақл буданд.

**9,8-10** *Муйҳои чун муйи занон* онҳоро ҷалбкунанда ва мафтункунанда мекарданд. *Дандонҳои* мисли дандонҳои шер ифодагари қувват ва бераҳмӣ буданд. Азбаски онҳо *ҷавшанҳои* гӯё оҳанин доштанд, ба онҳо ҳамла кардан ё ба шикаст дучор кардан душвор буд. Ба воситаи *болҳое* ки шавшуви баланд мебароварданд, онҳо ба даҳшат ва изтироб меандохтанд. *Думҳои* мисли думҳои *каждум* ба онҳо имконият медоданд, ки ҷисман ва рӯҳан азоб бидиҳанд. *Қудрати дар давоми панҷ моҳ азоб додани одамон* аз азобҳои бепоён дарак медиҳад.

**9,11** Онҳо подшоҳе доштанд ... ва номи он ба забони ибрӣ Абаддӯн (ҳалоккунанда), ва ба забони юнонӣ Апӯллийӯн (маҳвкунанда) мебошад. Инро одатан мансуби шайтон медонанд.

**9,12** Аз се мусибат якумаш *гузашт.* Аз ҳама чизи бад ҳанӯз дар пеш аст. Шиддатнокии ҷазоҳо афзун мешавад.

**9,13-15** Зикр дар бораи *қурбонгоҳи тилло, ки дар пеши Худо истода буд,* ҷазои навбатиро бо дуоҳои халқи мазлуми Худо алоқаманд месозад. Фариштаи шашуми карнайдор *чор фариштаеро, ки назди дарёи бузурги Фурот баста шудаанд, озод менамояд.* Ин *чор фаришта,* шояд девҳо, маҳз барои ҳамин лаҳза омода карда шуда буданд, то рафта, *сеяки одамонро кушанд.*

**9,16-17** Аз ақиби онҳо *даҳ ҳазори даҳ ҳазор,* ё сад миллион нафар[16] аспсаворон мерафтанд, ки *ҷавшанҳои оташгун* (сурх), *нилгун* (кабуд) *ва зарди кибритӣ доштанд. Сарҳои* аспон мисли сарҳои шерон буданд, ва аз даҳони онҳо *оташ, дуд ва кибрит* мебаромад.

**9,18-19** Ин *се чиз – оташ, дуд ва кибрит* ифодагари се мусибатанд, ки аз онҳо *сеяки одамон* хоҳанд мурд. Ин аспон на танҳо бо *даҳонҳои* худ ҳалок мекарданд, балки ҳамчунин бо *думҳои* мормонанди худ захмин менамуданд.

Ин порча бисёр масъалаҳои муайяннашударо боқӣ мегузорад. Оё он чор фаришта ҳам дар ояти 14 ва ҳам дар Ваҳй 7,1 ҳамон як ҳастанд? Ин савораҳо киҳоянд: одамон ва ё девҳо, бемориҳо ё дигар қувваҳои харобкунанда? Ин се бало, ки чун *оташ, дуд ва кибрит* тасвир ёфтаанд, чиҳоянд?

Бояд зикр кард, ки на савораҳо, балки аспон ҳалок мекунанд. Як муаллиф тахмин мекунад, ки ин лашкари қудратманди савораҳо рамзи «кадом як фиреби иблисонаи рафънашавандаест, ки аз шарқ меояд».

Ҳамилтон Смит мегӯяд:

*«Қудрати аспон дар даҳонашон буд» метавонад ба он ишорат кунад, ки ин фиреб хеле боварибахш ва суханварона пешкаш хоҳад шуд. Аммо аз паси ин фиреб қувваи шайтонӣ меистад, ки рамзи он думҳои мисли морон мебошад.*[17]

**9,20-21** Аз се ду ҳиссаи одамон аз *балоҳо* зиён надида бошанд ҳам, онҳо *тавба накарданд,* балки парастиши *девҳо* ва *бутҳои* дастисохтро, ки мурда ва нотавон буданд, давом медоданд. Онҳо аз *одамкушиҳо, ҷодугариҳо* (ки бо истифодаи доруҳо алоқаманд буданд[18]), *фосиқӣ ва дуздиҳо* рӯй нагардонданд. Ҷазоҳо ва азобҳо наметавонанд хислати гуноҳкорро дигаргун созанд; инро танҳо зодашавии нав карда метавонад.

### Д. Фариштаи боқувват бо китоб (Б. 10)

**10,1** Акнун Юҳанно *дигар фариштаи зӯрмандеро дид, ки аз осмон фуруд меомад.* Тасвири Фаришта бисёриҳоро ба он фикр меоварад, ки ин Худованд Исост. *Рангинкамоне бар сараш* рамзи паймони Худо буд. *Рухсораш монанди офтоб* – баёнкунандаи ҷалоли ошкоро буд. *Пойҳояш чун сутунҳои оташ; сутунҳо* дар хусуси қувват ва *оташ* дар хусуси доварӣ шаҳодат медиҳанд.

**10,2** Дар дасташ *китобчаи кушодае* ё дастнависи лӯлапеч, бешубҳа, рӯйхати довариҳои меомада аст. *Пои росташро бар баҳр,*

*ва пои чапашро бар замин* гузошта, Ӯ даъвои ҳукмронӣ бар ҷаҳонро мекард.

**10,3-6** Вақте Ӯ *бо овози баланд нидо кард, ҳафт тундар* бо садоҳои худ сухан гуфтанд. Аз афташ, Юҳанно фаҳмид, ки ин тундарҳо сухан мегуфтанд, аммо, вақте вай *хост нависад,* Фаришта ба вай иҷозат надод. Баъд Фаришта ба Худои Офаридгор қасам ёд кард, ки *дигар вақт* (мавқуфгузорӣ) *намешавад.*

**10,7** Вақте карнайи ҳафтум навохта мешавад, *сирри Худо* анҷом меёбад. *Сирри Худо* ба нақшаи Худо оид ба ҷазо додани ҳамаи бадкорон ва барпо кардани Подшоҳии Писари Ӯ дахл дорад.

**10,8-9** Ба Юҳанно фармуда шуд, ки ин *китобро хӯрад,* яъне вай бояд онро хонда, оид ба доварихое ки дар он тасвир ёфтаанд, андеша намояд.

**10,10** Чунон ки Фаришта пешгӯӣ карда буд, дастнависи лӯлапеч дар даҳони Юҳанно *монанди асал ширин,* аммо *дар шикамаш талх* буд. Барои имондор дар бораи нақшаи Худо оид ба ҷалол додани Писари Худ дар ҷое ки Ӯ замоне ба салиб кашида шуда буд, хондан ширин аст. Дар бораи ғалабаи Худо бар шайтон ва тамоми хизматгоронаш хондан ширин аст. Дар бораи он ки ҳама чизи бад дар замин ислоҳ хоҳад шуд, хондан ширин аст. Аммо бо омӯзиши пайғамбарӣ талхӣ алоқаманд аст. Талхии худмаҳкумкуние ки Навиштаҳои пайғамбарона боиси он мешаванд. Талхии мулоҳизакунӣ оид ба доварихое ки дере нагузашта яҳудият ва масеҳияти муртад ба онҳо гирифтор хоҳанд шуд. Талхии андешаронӣ оид ба ҳалокати абадии ҳамаи онҳое ки Наҷотдиҳандаро рад карданд.

**10,11** Ба Юҳанно гуфта шуд, ки вай бояд *боз дар бораи қавмҳо ва халқҳо ва забонҳо ва подшоҳони бисёр пайғамбарӣ кунад.* Дар бобҳои навбатии китоби Ваҳй ин фармоиш ба ҷо оварда мешавад.

### Е. Ду шоҳид (11,1-14)

**11,1-2** Акнун ба Юҳанно амр шудааст, ки *ибодатхонаи Худо ва қурбонгоҳро андоза намуда,* касонеро, ки дар он парастиш мекунанд, шуморад. Аз афташ, андоза намудан ин ҷо бо мақсади нигоҳдорӣ ба ҷо оварда мешавад. Ӯ намебоист *рӯи ҳавлии халқҳоро* андоза мекард, зеро он дар тӯли *чилу ду моҳ* – нимаи дуюми Мусибати бузург – аз тарафи ғайрияҳудиён поймол карда мешавад (ниг. Луқ. 21,24). *Ибодатхонаи* ин ҷо зикршуда парастишгоҳест, ки ҳангоми Мусибати бузург дар Ургалим хоҳад буд. Шумурдани парастандагон метавонад маънои онро дошта бошад, ки Худо барои Худ бақияи парастандагонро нигоҳ хоҳад дошт. *Қурбонгоҳ* рамзи он воситаҳоест, ки бо ёрии онҳо ба Ӯ наздик хоҳанд омад, яъне коре ки Масеҳ дар Ҷолҷолто ба амал оварда буд.

**11,3** Дар нимаи дуюми Мусибати бузург Худо *ду шоҳидро* ба миён хоҳад овард. *Палос дар бар кардан* рамзи навҳагарист. Онҳо аз гуноҳҳои одамон ба дод омада, ғазаби ояндаи Худоро эълон хоҳанд кард.

**11,4** Ду шоҳид ба *ду дарахти зайтун* ва *ду чароғдон* монанд карда мешаванд. Чун *дарахтони зайтун,* онҳо аз Рӯҳ (равған) пур шудаанд. Чун *чароғдон* онҳо шаҳодати ҳақиқати Худоро ба давраи торикӣ мебаранд. (Барои дар Аҳди Қадим ёфтани чизи ба ҳамин монанд ба Закарё 4,2-14 нигаред).

**11,5** Сеюним сол ин шоҳидон ба таври аҷиб аз зиён эмин дошта мешаванд. *Аз даҳонашон оташ баромада,* душманонашонро нобуд мекард, ва ҳатто кӯшиши онҳоро *озор додан* оқибати марговар дошт.

**11,6** Онҳо *қудрат доранд,* ки ба замин хушксолӣ оварда, обҳоро *ба хун табдил диҳанд ва заминро ба ҳар гуна бало гирифтор кунанд.* Ҳайратовар нест, ки онҳоро одатан бо Мусо ва Илёс фикран монанд мекунанд. Қудрати онҳо барои *ба хун табдил додани* об ва *ба ҳар гуна бало гирифтор кардани замин* амалҳои Мусоро дар Миср ба мо ёдрас мекунад (Хур. 7,14-20; 8,1-12,29). Қудрати онҳо бар оташ ва борон хизматгузории Илёсро ба мо ёдрас мекунад (1Подш. 17,1; 18,41-45; 2Подш. 1,9-12).

Макконкӣ мегӯяд:

*Онҳо одамони дар парастишгоҳ бударо оид ба шахси пур аз бадӣ, ки онҳо назди вай барои парастиш омадаанд, огоҳ хоҳанд кард. Онҳо ин одамонро бовар хоҳанд кунонд, ки замони пирӯзии вай кӯтоҳ аст; ва Исо барои зарба задани вай меояд; ва хатарҳое меоянд, ки боиси азобҳо мешаванд; ва онҳо набояд ҳаёти худро дареғ доранд, вақте зарурати интихоб оид ба мурдан ё зистан ба миён меояд; ва онҳо бояд на танҳо аз оне тарсанд, ки ҷисмро кушта метавонад, балки аз оне ки метавонад*

*ҳам ҷон ва ҳам ҷисмро ба дӯзах андозад; дар бораи ҷалол ва наздик будани Подшоҳ ва Подшоҳии Ӯ, ки пас аз азоби кӯтоҳмуддат фаро мерасад; дар бораи дилпурӣ оид ба он ки агар онҳо бо Ӯ азоб кашанд, бо Ӯ ҳукмронӣ мекунанд; ва дар бораи осоиш, адолат ва ҷалоли абадӣ, ки ба онҳое тааллуқ хоҳанд дошт, ки то ба охир сабр мекунанд, ҳатто агар ин ифодагари марги риёзаткашона дар давраи бузурги озмоиш бошад, ки онҳо аз он мегузаранд. Шаҳодати онҳо аз Китоб ҳақиқатан қавӣ мешавад.*[19]

**11,7** *Вақте онҳо шаҳодати худро анҷом диҳанд, ҳайвони ваҳшие ки аз асфалуссофилин мебарояд, онҳоро мекушад.* Шояд, ин худи ҳамон ҳайвонест, ки дар Ваҳй 13,8 вомехӯрад – сарвари империяи Руми барқароршуда.

**11,8** *Ҷасадҳои* шоҳидон *дар кӯчаи* Уршалим дар давоми сеюним рӯз хоҳанд хобид. Уршалим ин ҷо аз боиси ғурур, хоҳишҳои ҷисмонӣ, афзудани беҳудагардӣ ва бепарвоӣ нисбати эҳтиёҷоти дигарон *Садӯм* номида хоҳад шуд (ниг. Ҳиз. 16,49). Ва аз боиси зинокорӣ, таъқибот ва асири гуноҳ ва фасод будан *Миср* номида хоҳад шуд.

**11,9** Мардуми зиёде *аз қавмҳо* ба *ҷасадҳои онҳо* хоҳанд нигарист, аммо *намегузоранд,* ки онҳоро ба хок супоранд – пастравии даҳшатангез дар аксари фарҳангҳо.

**11,10** Сокинони замин хурсанд шуданд, зеро пайғамбариҳои номарғуб хомӯш шуданд, ва одамон ба якдигар *туҳфаҳо* мефиристанд, чуноне ки онҳо имрӯзҳо ҳангоми Иди Милод мекунанд. Одамон танҳо пайғамбарони мурдаро дӯст медоранд.

**11,11-12** *Пас аз сею ним рӯз* Худо онҳоро аз нав зинда хоҳад кард, пеш аз ҳама барои ба ҳарос овардани мардум ва дар пеши назари *душманонашон* ба *осмон* бурдани онҳо.

**11,13-14** Дар ҳамон соат дар Уршалим заминҷунбии азиме рӯй дода, аз боиси он *даҳяки шаҳр* фурӯ ғалтида, *ҳафт ҳазор одам кушта шуданд.* Боқимондагон *Худоро ҷалол доданд,* аммо ин на парастиши ҳақиқӣ, балки эътирофи маҷбурии қуввати Ӯ буд. *Мусибати дуюм гузашт.*

Ин маънои онро надорад, ки ҳар он чи дар 9,13 то 11,13 тасвир ёфтааст, ифодагари мусибати дуюм аст. Баръакс, бобҳои 10 ва 11,1-13 фосила миёни *мусибати дуюм* (карнайи шашум) ва *мусибати сеюм* (карнайи ҳафтум) мебошад.

### Ё. Карнайи ҳафтум (11,15-19)

**11,15** Садои карнайи ҳафтум нишон медиҳад, ки Мусибати бузург ба поён расида, Подшоҳии Масеҳ оғоз шуд. *Подшоҳии*[20] ин *ҷаҳон подшоҳии Худованди мо ва Масеҳи Ӯ гардидааст,* ва *Ӯ то абад подшоҳӣ мекунад!*

**11,16-17** *Он бисту чор пир* дар пеши *Худо ба рӯй афтода,* Ӯро барои он *шукр мегӯянд,* ки *Ӯ қудрати бузурги* Худро қабул карда, бо тантана бар тахти подшоҳӣ нишаст.

**11,18** Ва *халқҳо* аз *Ӯ хашмгин шуданд* ва мекӯшанд, ки ба тоҷгузории Ӯ монеъ шаванд. Аммо акнун вақти ғазаби Ӯ фаро расид, вақти доварӣ кардани онҳое ки ҳаёти рӯҳонӣ надоранд, вақти *нобуд кардани* нобудкунандагон. Ва замоне фаро расид, ки Худованд ба *пайғамбарони* Худ ва ба мардум, *ҳам ба хурдон ва ҳам ба бузургон,* подош диҳад.

**11,19** Худо *аҳди* Худро, ки бо халқи Худ Исроил, баста буд, фаромӯш накард. Ҳангоме ки *дар осмон ибодатхонаи Худо* воз шуд, *сандуқи аҳди Ӯ* зоҳир мегардад, ва он рамзи он аст, ки ҳар он чи ба Исроил аз ҷониби Ӯ ваъда дода шуда буд, ба амал меояд. Баъд *чароғакҳо ва садоҳо ва тундарҳо ва заминҷунбӣ ва жолаи бузурге рӯй медиҳанд.*

### Ж. Иштироккунандагони асосӣ дар Мусибати бузург (Б. 12–15)

**12,1** *Аломати бузурге дар осмон намоён шуд: зане ки либосаш офтоб буд, моҳ дар зери пойҳояш, ва тоҷе иборат аз дувоздаҳ ситора бар сараш. Зан* Исроил аст. *Офтоб, моҳ ва ситораҳо* ҷалол ва подшоҳиеро тасвир менамоянд, ки ба мардум дар Подшоҳии оянда ваъда дода шудаанд, айнан чунон ки онҳо қудрати пурраи Юсуфро бар падар, модар ва бародаронаш таҷассум мекарданд (Ҳас. 37,9-11).

**12,2** Зан ҳомиладор буда, мунтазири *зоиш* аст. Дар ин оятҳо лаҳзаҳои бисёр аз таърихи Исроил ғунҷонида шудаанд, бидуни ҳар гуна ишора ба фосилаҳои байни ҳодисаҳо ё ба он ки ин ҳодисаҳо ҳатман дар тартиби замонӣ рӯй медиҳанд.

**12,3** *Аломати* дигаре дар осмон *аждаҳои бузурги оташгун* аст, *ки ҳафт сар ва даҳ шох дошт,* ва бар ҳар сараш тоҷ. *Аждаҳо* шайтон аст, аммо азбаски ин тасвир шабеҳи тасвири

13,1 аст, ки дар он оид ба барқароршавии империяи Рум гуфта мешавад, пас, ин ҷо, шояд, шайтон чун оне тасвир ёфтааст, ки ин ҳокимияти ҷаҳониро илҳом мебахшад.

**12,4-5** Аждаҳо бо *думи* худ *сеяки ситораҳоро бар замин* афканд – шояд, ишора ба ҷанг дар осмон, ки дар миёни Мусибати бузург рӯй дода, бо он ба анҷом мерасад, ки фариштагони афтода аз осмон ба замин сарнагун хоҳанд шуд (ниг. о. 8.9).

*Аждаҳо* омода аст, ки *Фарзандро* ҳамин ки Ӯ *зоида шавад,* фурӯ барад. Вакте Ҳиродуси Бузург, тобеи Рум, кӯшиш намуд, ки Подшоҳи навзоди яҳудиёнро нобуд кунад, ин иҷро шуд. *Писар,* бешубҳа, Исо аст, ки бояд *ҳамаи халқҳоро бо асои оҳанин чӯпонӣ кунад.* Ин ҷо тасвир аз зодашавии Ӯ ба болобурдашавии Ӯ меҷаҳад.

**12,6** Давраи ҳозираи ҷамоат дар миёни оятҳои 5 ва 6 ҷойгир аст. Дар миёни Мусибати бузург қисми халқи Исроил маҷбур мешавад, ки ба ҷойи махфӣ – паноҳгоҳ дар *биёбон,* гурезад (баъзе чунин мешуморанд, ки ин шаҳри Петра аст). Ин одамон сеюним сол пинҳон хоҳанд шуд.

**12,7** *Дар осмон* миёни *Микоил ва фариштаҳояш,* аз як тараф, ва *аждаҳо ва фариштаҳояш* аз тарафи дигар, ҷанг ба амал меояд. Ин дар миёни Мусибати бузург рӯй хоҳад дод. Фариштаи муқарраб Микоил ба халқи Исроил дар корҳояш ёрдам медиҳад (Дон. 12,1).

**12,8-9** Аждаҳо тамоман шикаст хӯрда, ҳуқуқи ба *осмон* ворид шуданро аз даст дод. Вай ва фариштаҳои думраваш *ба замин сарнагун шуданд.* Аммо ин ҳанӯз насиби охирини вай нест (ниг. 20,1-3.10). Таваҷҷуҳ намоед, ки Юҳанно аждаҳоро чӣ гуна тасвир менамояд: *аждаҳои бузург, мори қадимӣ, иблис, шайтон, ки тамоми ҷаҳонро фиреб мекунад.*

**12,10** Рондашавии аждаҳо бо овози *баланде* дар *осмон* ҳамроҳӣ мешавад, ки фаро расидани пирӯзии Худо ва рӯзи ғалабаи халқи Ӯро эълон менамояд. Ин пешбинии Подшоҳии Ҳазорсола буд. Ба ғайр аз ин, ин рӯйдоди хеле хуб аст – *айбдоркунандаи бародарони мо сарнагун шуд.*

**12,11** Хабар идома меёбад. Имондорони яҳудии таъқибшаванда *ба воситаи Хуни Барра ва каломи шаҳодати худ* бар шайтон ғолиб омаданд. Ғалабаи онҳо дар марги Масеҳ асос меёфт, *шаҳодати онҳо бошад,* оид ба нархи он марг буд. Ба Ӯ вафодор монда, онҳо *шаҳодати худро* бо хуни худ муҳр заданд.

**12,12-13** *Осмон* метавонад барои набудани аждаҳо *шодӣ кунад,* аммо барои *замин ва баҳр* ин хабари бад аст! *Иблис медонад,* ки *вақташ кам мондааст,* ва ният дорад, ки хашми худро ҳаддалимкон бештар фурӯ резонад. Махсусан хашми вай ба Исроил, халқе ки аз он Масеҳ баромадааст, равона шудааст.

**12,14** Ба бақияи амини яҳудиён *ду боли уқоби бузурге дода шуд,* ки ба он имконият медод, то дар паноҳгоҳи худ, дар *биёбон,* пинҳон шавад. (Баъзеҳо чунин тахмин мекунанд, ки болҳо ифодагари қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ мебошанд.) Он ҷо муддати сеюним сол *(замон, замонҳо ва нисфи замон)* ба ин бақия ғамхорӣ намуда, аз ҳамлаҳои мор ҳимоят хоҳанд кард.

**12,15-16** Барои садди роҳи гурези Исроил шудан кӯшиш намуда, *мор* аз ақиби халқ *дарёи* калонро равон мекунад, аммо заминҷунбӣ обро фурӯ мебарад, ва иблис фирефта мемонад.

**12,17** Аз боиси чунин хоршавӣ дарғазаб шуда, вай кӯшиш мекунад аз яҳудиёне ки дар кишвар боқӣ мондаанд, яъне аз он қисми яҳудиён, ки ба воситаи риояи *фармудаҳои Худо* ва доштани *шаҳодати Исо* ҳаққонияти имони худро исбот намудаанд, қасос гирад.

**13,1** Боби 13 ба мо ду ҳайвони ваҳшии калонро пешкаш менамояд: як *ҳайвони ваҳшӣ, ки аз баҳр берун меояд,* ва дигаре, аз замин, ё аз кишвар, яъне аз Исроил. Шубҳае нест, ки ин ҳайвонҳои ваҳшӣ ифодагари одамонеанд, ки дар давраи Мусибати бузург нақшҳои барҷастаро мебозанд. Онҳо хусусиятҳои ҳайвонҳои ваҳшии дар Дониёл 7,3-7 зикршударо дар бар мегиранд. Ҳайвони ваҳшии якум сардори империяи барқароршудаи Рум аст, ки дар шакли даҳ давлат вуҷуд хоҳад дошт. Вай *аз баҳр,* ки тимсоли халқҳои ғайрияҳудӣ аст, берун меояд. Вай *даҳ шох* дорад. Дониёл пешгӯӣ карда буд, ки империяи Рум дар шакли даҳ давлат барқарор хоҳад шуд (Дон. 7,24). Вай *ҳафт сар* дорад. Дар 17,9-10 дар бораи онҳо гуфта шудааст, ки ин ҳафт подшоҳ ҳастанд, шояд истинод ба ҳафт ҳокими гуногун ё ба ҳафт марҳалаи гуногуни империя. *Бар шохҳояш даҳ тоҷ* аст. Онҳо дар бораи қудрате гувоҳӣ медиҳанд, ки аз ҷониби аждаҳо, яъне шайтон, ба вай дода шудааст. *Бар сарҳояш*

*номҳои куфр* мебошанд, ва ӯ худро на одами одӣ, балки Худо эълон мекунад.

**13,2** *Ҳайвони ваҳшӣ* монанди *паланг* буд, *пойҳояш мисли* пойҳои хирс, ва *даҳонаш* мисли даҳони шер. Дар Дониёл 7 *паланг* тимсоли Юнон аст; хирс тимсоли Мод-Форс; *шер* бошад ифодагари Бобил аст. Ҳамин тавр, империяи Руми барқароршуда ба пешгузаштаҳои худ дар он монанд аст, ки *монанди паланг* зуд ғолиб меояд; мисли *хирс* боқувват аст; ва мисли *шер* носерам мебошад. Кӯтоҳ карда гӯем, он тамоми хусусиятҳои гуноҳолуди империяҳои собиқи ҷаҳонро дар бар мегирад. Ин империя ва ҳокими он аз шайтон қуввати фавқуттабиӣ мегиранд.

**13,3** Яке аз сарҳои ин ҳайвони ваҳшӣ *захми* марговар дошт. Скоуфилд мефаҳмонад: «Боқимондаҳои империяи Руми қадим ҳаргиз чун давлатҳои ҷудогона мавҷудияти худро бас накарда буданд. Шакли давлатдории империявӣ мавҷудияти худро бас кард – як саре ки ба дараҷаи марговар захмдор шудааст».[21] *Захми марговар шифо ёфтааст.* Дигар хел карда гӯем, империя бо сарварии *ҳайвони ваҳшӣ* ном қайсар барқарор шудааст.

**13,4** Одамон *ба ҳайвони ваҳшӣ саҷда* мекунанд. Онҳо на танҳо аз вай ба тааҷҷуб меоянд, онҳо амалан ба вай чун ба Худо саҷда мекунанд. Онҳо ҳамчунин ба *аждаҳо* саҷда мекунанд.

**13,5-6** Ҳайвони ваҳшӣ ҳавобаландона лоф зада, *суханони куфромези* ногуфтанӣ мегӯяд. Ба вай иҷозат дода шудааст, ки *чилу ду моҳ амал кунад,* ё ҷанг кунад. Вай нисбати *номи* Худо, *хаймаи Ӯ* ва *сокинони осмон* беҳурматии дағалона нишон медиҳад.

**13,7** Вай зидди халқи Худо *ҷангида,* бар бисёриҳо ғолиб меояд. Онҳо мурданро аз таслим шудан ба вай афзал медонанд. Қудрати вай ба тамоми ҷаҳон паҳн мешавад – охирин империяи ҷаҳонӣ то Подшоҳии Масеҳ.

**13,8** Онҳое ки ҳақиқатан имондор набуданд, бо камоли майл ҳайвони ваҳширо *парастиш мекунанд,* зеро онҳо ҳаргиз ба Масеҳ имон надоштанд, номҳои онҳо асло дар *дар дафтари ҳаёти Барраи кушташуда навишта* нашуда буданд. Ва азбаски номҳои онҳо дар миёни наҷотёфтагон ёфт нашуданд, онҳо ба гумроҳии худ дода мешаванд. Онҳо аз бовар кардан ба ҳақиқат даст кашиданд, ва акнун ба дурӯғ бовар мекунанд.

**13,9** Ин бояд барои ҳама огоҳӣ шавад: то даме ки ҳанӯз имконият ҳаст, нури Каломи Худоро қабул кунанд. Натиҷаи даст кашидан аз нур дур шудан аз нур аст.

**13,10** Имондорони ҳақиқӣ метавонанд дилпур бошанд, ки таъқибкунандагони онҳо худашон *ба асирӣ рафта, бо шамшер кушта мешаванд.* Ин ба *муқаддасон* қувват медиҳад, то бо *имон* ва *сабр* интизор бошанд.

**13,11** *Ҳайвони ваҳшии* дуюм боз як амалкунандаи асосӣ дар Мусибати бузург аст. Вай бо ҳайвонии ваҳшии якум аҳлона амал мекунад, ҳатто барои парастидани ҳайвони ваҳшии якум ва бути калон, ки ифодагари қайсари Рум аст, маъракаи байналмилалиро ташкил медиҳад. Ҳайвони ваҳшии дуюм *аз замин,* ё аз кишвар *берун меояд.* Агар кишвари Исроил дар назар дошта шуда бошад, он гоҳ эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин ҳоким яҳудист. Вай пайғамбари дурӯғин аст (ниг. 16,13; 19,20; 20,10). Вай *ду шох* дорад, ки монанди шохҳои *барра* буда, ба вай шакли олиҳимматона ва беайб медиҳанд, ва ҳамчунин ба фикри он меоваранд, ки вай таҷассумгари Барраи Худост. Вай *мисли аждаҳо* сухан гуфта, бо ин нишон медиҳад, ки қувват ва илҳоми вай бевосита аз шайтон мебароянд.

**13,12-14** Вай дар пеши ҳайвони якум бо тамоми қудраташ амал мекунад; ин маънои онро дорад, ки қайсари Рум ба вай қудрати номаҳдудро медиҳад, то ба ҷои вай амал кунад. Вай дорои қувваи фавқуттабиист, ва бинобар ин метавонад *ҳатто оташро аз осмон* ба замин поён оварад. Албатта, мақсади ин муъҷизаҳо фиреб додани халқ аст, то ки онҳо ба одам чун ба Худо саҷда кунанд.

**13,15** Вай ба ин *ҳайкали* калон, кароҳати нафратовари харобӣ, ҳаёт мебахшад, ва аз ҳамин сабаб вай ҳақиқатан *сухан гуфта* метавонад. Сазои *саҷда* накардан марг аст.

**13,16** Ҳайвони дуюм бар он исрор мекунад, ки одамон *бар дасти росташон ё бар пешониашон нишона зананд,* ва бо ин вафодории худро ба қайсари Рум исбот кунанд.

**13,17** Ғайр аз ин аломат ҳайвони ваҳшӣ *ном* ва *шумораи* махфӣ дорад. Агар одам *нишона, ном ё шумораи ҳайвони ваҳширо* надошта бошад, *харидан ва фурӯхтан* наметавонад. Ин кӯшиш баҳри он равона шудааст, то бо усулҳои иқтисодӣ мардумро водор созад, ки ба хотири бутпарастӣ ба Масеҳ хиёнат

кунанд. Ин озмоиши сахт аст, аммо имондорони ҳақиқӣ аз рад кардани Наҷотдиҳандаи худ дида маргро афзал хоҳанд шумурд.

**13,18** *Шумораи ҳайвони ваҳшӣ* 666 аст. Шаш шумораи одамизод аст. Аз ҳафт як адад хурдтар будани шаш метавонад тахмини он бошад, ки одам аз ҷалол ва камолоти Худо маҳрум шудааст. Се шаш сегонаи гуноҳкор мебошад.

Яке аз масъалаҳои аз ҳама муҳим, ки дар робита бо боби 13 ба миён меояд, ин аст: Кӣ дар асл зиддимасеҳ аст, ҳайвони ваҳшии якум ё дуюм? Моҳиятан, далел ба фоидаи он ки зиддимасеҳ ҳайвони ваҳшии якум аст, чунин аст: маҳз вай исрор мекунад, ки ба ӯ чун ба Худо саҷда кунанд. Онҳое ки мувофиқи ақидаашон зиддимасеҳ ҳайвони ваҳшии дуюм аст, ба он истинод мекунанд, ки ҳеҷ яҳудӣ ҳаргиз ғайрияҳудиро чун Масеҳ қабул намекард, ва азбаски ҳайвони ваҳшии дуюм яҳудист, масеҳи дурӯғин низ бояд вай бошад.

**14,1** Мо Барраеро мебинем, ки бар кӯҳи Сион истодааст, ва бо Ӯ саду чилу чор ҳазор нафар, ки бар пешониҳошон номи Падари Ӯ навишта шудааст. Ин дар оянда рӯй медиҳад, вақте Исо ба замин баргашта, дар Уршалим бо ҳамин гурӯҳи имондорон аз ҳар сибти Исроил меистад. *Саду чилу чор ҳазор* худи ҳамонҳоанд, ки дар бораашон дар боби 7 зикр карда шуд. Акнун онҳо нияти ба Подшоҳии Масеҳ даромаданро доранд.

**14,2-3** Юҳанно аз *осмон* овози мусиқиеро мешунавад, *чун шувваси обҳои бисёр ва монанди садои тундари пурзӯр, гӯё овози чангнавозоне буд, ки чангҳои худро менавозанд.* Танҳо *саду чилу чор ҳазор нафар он сурудро* ёд гирифта тавонистанду халос.

**14,4-5** Дар бораи онҳо гуфта шудааст, ки *онҳо* бо занон палид нашудаанд. *Онҳо худро* аз бутпарастии даҳшатангез ва бадахлоқӣ нигоҳ дошта, аз ақиби *Барра* дар итоат ва вафодории комил мерафтанд. Пентакост мегӯяд: «*Онҳо* навбарони Худо ва Барра *номида* шудаанд, яъне онҳо дар дарави Мусибати бузург аввалин касон мебошанд, ки ба Подшоҳии Ҳазорсола дохил хоҳанд шуд, то дар он давра заминро маскун намоянд».[22] Онҳо дурӯғи зиддимасеҳро қабул накарда, ба одами одӣ саҷда набурданд. Онҳо беайб монданд, зеро эътирофи онҳо оид ба Масеҳ устувор буд.

**14,6-7** *Фариштае ки дар миёнаи осмон* бо *Инҷили абадӣ парвоз мекард,* аз афташ, ба Матто 24,14 мувофиқ аст: «Ва ин Инҷили Подшоҳӣ дар тамоми олам мавъиза мешавад, то ки барои ҳамаи халқҳо шаҳодате шавад; ва он гоҳ интиҳо фаро мерасад». Мавзӯи асосии ин Хушхабар дар ояти 7 дода шудааст. Ба одамон фармуда мешавад, ки назар ба ҳайвони ваҳшӣ аз *Худованд* бештар *тарсанд,* ва *Ӯро ҷалол диҳанд,* на ин тимсол-бутро. Албатта, Хушхабар танҳо яктост – Хушхабар дар бораи наҷот ба воситаи имон ба Исои Масеҳ. Аммо ниятҳои гуногуни Худо ҳар хел таъкид карда мешаванд. Дар давраи Мусибат Хушхабар баҳри он равона хоҳад шуд, ки одамонро аз саҷда ба ҳайвон рӯйгардон карда, барои Подшоҳии Масеҳ дар замин омода созад.

**14,8** Фариштаи дуюм дар бораи фурӯ ғалтидани Бобил эълон мекунад. Оид ба ин дар бобҳои 17 ва 18 гуфта мешавад. *Бобил* ифодагари дини яҳудии муртад ва масеҳияти муртад мебошад, ки як иттиҳоди тиҷоратӣ ва диниро бо сардорӣ дар Рум ташкил медиҳад. *Ҳамаи халқҳо аз майи ғазабовари фосиқии* вай маст хоҳанд шуд.

**14,9-10** Мо метавонем муайян кунем, ки замони эълон шудани хабари фариштаи *сеюм* миёнаи Мусибат аст. *Фаришта* огоҳ мекунад, ки ҳар кӣ барои саҷда кардан ба ҳайвони ваҳшӣ дар ҳар гуна шаклҳояш розӣ шавад, *ғазаби* Худоро имрӯз ва дар абадият хоҳад чашид. *Майи ғазаби* Ӯ ба замин ҳангоми Мусибати бузург хоҳад рехт. Аммо ин танҳо аввали азобҳои дӯзахи абадӣ хоҳад буд, ки дар он беимонон *дар оташ ва кибрит азоб хоҳанд кашид.*

**14,11** Ин оят ба мо ёдрас мекунад, ки дӯзах ҷазои абадӣ ва ҳисшавандаро дар бар мегирад. Навиштаи Муқаддас асло таълим намедиҳанд, ки гуноҳкорони мурда нобуд хоҳанд гардид. *Дуди азобҳои онҳо* ҷовидона *баланд мешавад, ва на рӯз ором мегиранд, на шаб.*

**14,12** Маҳз дар ҳамин вақт аз муқаддасон даъват карда мешавад, ки золимии ҳайвони ваҳширо пурсаброна аз сар гузаронанд, ва аз саҷда кардан ба одам ё бут даст кашида, *имони* худро ба *Исо* маҳкам нигоҳ доранд, то ба *Худо* итоат кунанд. Маҳкумияти ниҳоии гуноҳкорон (о. 9-11) барои вафодорон чун рӯҳбаландкунӣ дар устувор мондан хизмат мекунад.

**14,13** Имондороне ки дар ин давраи замон *мемиранд,* аз баракатҳои Подшоҳии Ҳазорсола маҳрум намешаванд. Одам мегӯяд: «Хушо зиндаҳо». Худо мегӯяд: *«Хушо* онҳое ки *дар Худованд мемиранд»,* ва: *«... амалҳошон аз қафояшон меравапд».* Ҳар он чи барои Масеҳ ва ба номи Ӯ карда шудааст: ҳар некӣ, ҳар атои қурбонӣ, ҳар дуо, ҳар ашк, ҳар калимаи шаҳодат саховатмандона подош дода хоҳад шуд.

**14,14** Агар мо ин порчаро бо Матто 13,39-43 ва 25,31-46 муқоиса кунем, мефаҳмем, ки дарав дар замин ҳангоми омадани дуюми Худованди мо ба амал хоҳад омад. Ин ҷо гуфта мешавад, ки Ӯ барои даравидан меояд; дар Матто 13,39 даравгарон фариштаҳоянд. Ҳам ин ва ҳам он дуруст аст; Масеҳ инро ба воситаи фариштагон ба ҷо меоварад.

Ин ҷо мо мебинем, ки Масеҳ бар абри сафед фуруд меояд, ва бар сараш тоҷи тилло, ва дар дасташ доси тез дорад.

**14,15** *Фаришта аз ибодатхона* ба Ӯ мегӯяд, ки *доси* Худро *ба кор андозад,* чунки *вақти дарав расидааст.* Ин суханонро набояд чун фармон ҳисоб кард; фариштагон ҳуқуқ надоранд, ки ба Худо фармон диҳанд. Дурустараш, ин дархост ё паёмест, ки аз ҷониби Худо Падар фиристода шудааст.

**14,16** Дарави якум ду шарҳ дорад. Он метавонад рамзи ҷамъоварии имондорон аз Мусибат барои даромадан ба Подшоҳии Ҳазорсола бошад. Мувофиқи ин нуқтаи назар, дарав ба тухми нек дар Матто 13, яъне ба писарони Подшоҳӣ, мувофиқ аст. Ё ин метавонад дарави маҳкумкунӣ бошад. Дар чунин маврид маҳкумшавандагон метавонанд ғайрияҳудиён бошанд, зеро Исроил, аз афташ, дар дарави оянда ифода шудааст (о. 17-20).

**14,17** Акнун тасвир ба доварихои даҳшатноки охирин бармегардад, ки бар қисми беимони халқи Исроил, чун ба токи ангури заминӣ, фурӯ хоҳад рехт (ниг. Заб. 79,9; Иш. 5,1-7; Ирм. 2,21; 6,9). *Фаришта бо доси тез* мусаллаҳ шуда *аз ибодатхонае ки дар осмон аст, берун меояд.*

**14,18** *Фариштаи дигар* барои сар кардани дарав ишора медиҳад. Ин фаришта *бар оташ қудрат дорад,* ки ин метавонад идомаи довариро ифода кунад.

**14,19** Хӯшаҳои пухтаи ангурро ҷамъ карда, ба *чархушти бузурги ғазаби Худо меафкананд.* Пахш кардани мева дар ҷараёни шаробсозӣ ин ҷо чун манзараи доварии ҳалокатовар истифода мешавад.

**14,20** Меваҳо *дар беруни* Уршалим пойкӯб карда шудаанд, эҳтимол, дар водии Еҳушофот. Хунрезӣ чунон сахт хоҳад буд, ки *хун* ба масофаи 300 км дарозӣ ва баландияш *то ҷилави аспон* ҷорӣ хоҳад шуд. Он аз Уршалим то ҷануби Адӯм тӯл хоҳад кашид.

**15,1** *Аломати дигаре дар осмон ҳафт фариштаеро, ки ҳафт балои охирин доранд,* дар бар мегирад, ки рӯй додани онҳо ифодагари анҷом ёфтани *хашми Худост.* Аз ин мо мефаҳмем, ки дар пеши анҷомёбии Мусибати бузург истодаем.

**15,2** Юҳанно дар осмон гурӯҳи калони одамонеро мебинад, ки *бар баҳре аз шиша, ки бо оташ омехта аст, истодаанд.* Дар онҳо вай шахсонеро хоҳад шинохт, ки аз саҷда кардан ба *ҳайвони ваҳшӣ* ё *пайкари вай* даст кашиданд. Бешубҳа, барои ин онҳо азоб дода кушта шуданд.

**15,3-4** Аммо акнун онҳо дар осмон буда, *суруди Мусо ва суруди Барраро* мехонанд, ки қариб пурра аз оятҳои Аҳди Қадим тартиб дода шудаанд. Дар интизории он ки Худо бо азобдиҳандагонашон чӣ кор карданист, онҳо шаҳодат медиҳанд, ки Ӯ дар *довариҳои** худ одил аст. Онҳо Худои Қодири Мутлақро барои амалҳо ва роҳҳояш ҷалол медиҳанд. Аз матн равшан аст, ки амалҳои Ӯ ҷазоҳо мебошанд, агарчи, албатта, инро ба ҳамаи амалҳо ва роҳҳои Ӯ нисбат додан мумкин аст. «Подшоҳи муқаддасон»-ро бояд «Подшоҳи халқҳо» хонд.[23]

Суруди Мусо Худоро барои наҷот ёфтан аз асорати Миср ситоиш мекард. Суруди Барра халосшавии пурраро аз шайтон ва тамоми душманони ҳаёти рӯҳонӣ ситоиш мекунад. Ҳамин тавр, чунон ки А. Т. Пиерсон хуб зикр намудааст, «онҳо ду ҳудуди наҷотро ишорат мекунанд, ки тамоми таърихи халқи бозхаридшуда байни онҳост».[24]

Довариҳои Худо дар замин нишон доданд, ки Ӯ Худои муқаддасӣ аст. Ӯ ҳамаи халқҳоро водор хоҳад кард, ки аз Ӯ тарсанд, Ӯро ҷалол диҳанд ва ба Ӯ саҷда кунанд.

**15,5** Баъд аз ин Юҳанно *ибодатхона, яъне хаймаи шаҳодатро, ки дар осмон воз шуд,*

---

* Дар тарҷумаи дигари тоҷикӣ ин калима чунин тарҷума шудааст: корҳои одилона

дид. Ин, шояд, парастишгоҳи аслии осмонист, ки парастишгоҳи заминӣ нусха, ё тимсоли он буд (Ибр. 9,23). Ин ба Қудси қудсҳо робитаи махсус дорад.

**15,6** Сипас *ҳафт фаришта* зоҳир мешаванд, *ки катони тоза ва дурахшон дар бар карда ва то синаашон камарбанди тилло баста буданд.* Онҳо мусаллаҳ гардиданд, то доварии одилонае ба ҷо оваранд, ки ба воситаи он Худо ҷалол хоҳад ёфт. Ин фариштагон ба қарибӣ *ҳафт балои* охиринро ба кор хоҳанд андохт.

**15,7** *Яке аз он чор ҳайвон* ба ҳар фаришта яктогӣ коса дод. Дар ин косаҳо довариҳои охирини Мусибати бузург мебошанд, ки ҳамаи душманони Худоро фаро хоҳанд гирифт, на танҳо кадом як қисми онҳоро.

**15,8** Он ҳақиқат, ки *ҳеҷ кас* наметавонад *ба ибодатхона дарояд,* то ин *ҳафт бало анҷом наёбад,* метавонад маънои онро дошта бошад, ки ягон шафоати коҳинон ғазаби Худоро бекор карда наметавонад.

### 3. Ҳафт косаи ғазаби Худо (Б. 16)

**16,1-2** *Овози баланд аз ибодатхона ба ҳафт фаришта* мефармояд, ки *бираванд ва ҳафт косаи ғазаби Худоро бар замин резанд.* Аз рӯи табиат ва пайдарпайии худ ин довариҳо монанди довариҳои карнай ҳастанд, аммо бештар шиддатнок. Косаи якум боиси пайдо шудани *захми бад ва дарднок* дар онҳое мегардад, *ки ба ҳайвони ваҳшӣ ва пайкари он саҷда мекарданд.*

**16,3** Ҷазои дуюм обҳои *баҳрро ба хуне чун хуни мурда,* мубаддал мегардонад, ва тамоми махлуқоти ҷондор дар баҳр мемуранд.

**16,4** *Косаи* сеюм тамоми чашмаҳои *обро* ба *хун* мубаддал мегардонад.

**16,5-6** Дар ин ҷо *фариштаи обҳо* одилона будани довариҳои Худоро сафед мекунад. Одамон танҳо подоши амалҳои гуноҳолуди худро мегиранду халос. Онҳо бисёр хун *рехтаанд,* ва акнун ба сифати ҷазо ба ҷои об *хун менӯшид. Ин сазои онҳост.*

**16,7** Шояд, *қурбонгоҳ* рамзи ҷонҳои муқаддасони кушташуда (6,9) аст. Онҳо муддати дуру дароз ва пурсаброна интизори он буданд, ки азобдиҳандагони онҳо ҷазо ёбанд.

**16,8-9** Ҷазои чорум одамонро маҷбур месозад, ки аз сӯзонидани офтоб ва шуои офтоб азоб кашанд. Аммо ин боиси *тавба карданӣ* онҳо нагардид. Баръакс, онҳо *ба Худо* куфр мегуфтанд, ки Ӯ ба онҳо чунин гармои сӯзонро фиристод.

**16,10-11** *Фариштаи панҷум подшоҳии ҳайвони ваҳширо* бо *торикӣ* ҷазо медиҳад. Ин азоби одамонро зиёд мекунад, зеро онҳо имконияти ҳаракат карданро надоранд, то ки аз мусибатҳои оянда гурезанд. Аммо дилҳои онҳо мулоим намешаванд. Нафрати онҳо аз Худо боз ҳам бештар ва устувортар мегардад.

**16,12** Вақте косаи шашум рехта мешавад, *обҳои Фурот* хушк шуда, ба лашкаре ки *аз ҷониби офтоббаро аст,* имконият медиҳад, ки ба замини Исроил дарояд.

**16,13-14** Юҳанно *се* рӯҳи қурбоққамонандро мебинад, ки *аз даҳони аждаҳо, ҳайвони ваҳшӣ ва пайғамбари дурӯғин* – ваҳдати сегонаи шайтон мебароянд, ки тақлиди Ваҳдати Сегонаи Худост. Ин *рӯҳҳои дев аломатҳо ба амал меоваранд,* то ҳамаи ҳокимони ҷаҳонро фиреб дода, онҳоро барои ҷанги хотимавӣ *дар рӯзи бузурги Худои Қодири Мутлақ* ҷамъ оваранд.

**16,15** Оид ба ин ҷанг сухан ронда, Худованд оид ба хушиҳо барои ҳамаи муқаддасони Мусибати бузург, ки бозгашти Ӯро интизоранд ва худро аз бутпарастии он даврон дар покӣ нигоҳ медоранд, зикр менамояд. Барои наҷотнаёфтагон бошад Ӯ *чун дузд* ногаҳон меояд ва ҳалокат меоварад.

**16,16** Лашкарҳои тамоми ҷаҳон *дар ҷое ҷамъ мешаванд, ки ба забони ибрӣ Ҳармаҷидун,* ё Маҷиддӯ[25], *ном дорад.* Он асосан бо водии Изреъил, ки дар қисми ҷанубии он Маҷиддӯ воқеъ аст, монанд карда мешавад. Мегӯянд, ки Наполеон онро арса барои ҷанги ҷаҳонӣ, яъне ҷои хеле мувофиқ барои ҳарбу зарб номидааст.

**16,17** Эълоне ки *фариштаи ҳафтум* кард: *«Ба амал омад»* ба он ишорат мекунад, ки ин косаи охирини ғазаб аст. Дар хусуси Мусибати бузург бошад, ғазаби Худо қатъ шуд.

**16,18** Вақте косаи охирин рехта шуд, дар табиат офатҳои шадиде ба назар мерасанд: таркишҳо, *тундарҳо, чароғакҳо ва заминҷунбиҳои* бениҳоят пурзӯр.

**16,19** *Шаҳри бузург – Бобил ба се қисм аз ҳам ҷудо шуда, косаи* ғазаби Худоро менӯшад. Худо бутпарастӣ, золимӣ ва ҳарҷумарҷи

динии онро фаромӯш накардааст. Дар айни замон тамоми *шаҳрҳои халқҳо* фурӯ ғалтиданд.

**16,20** Дар натиҷаи заминҷунбиҳо *ҳар ҷазира* ва ҳамаи *кӯҳҳо* нест мешаванд.

**16,21** Жолае ки ба вазни як талант (тақрибан 45,5 кг) буд, заминро мепӯшонад, аммо *одамон,* ба ҷои тавба кардан, ба *Худо* куфр мегӯянд.

## И. Фурӯ ғалтидани Бобили бузург (Б. 17 ва 18)

**17,1-2** *Яке аз он ҳафт фаришта* Юҳанноро даъват мекунад, ки шоҳиди *доварӣ дар ҳаққи фоҳишаи бузург* бошад. Ин низоми калони динӣ ва тиҷоратӣ бо сарварии Рум аст. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки боби 17 Бобили диндорро тасвир мекунаду боби 18 фаъолияти тиҷоратии онро. Бобили диндор, албатта, аз масеҳияти муртад иборат аст, ҳам аз протестантҳо ва ҳам аз католикҳо. Онро ҷамоати экуменӣ хуб ифода менамояд. Ба тасвир диққат диҳед. *Фоҳишаи бузург бар обҳои бисёр нишаста,* масоҳати калони ҷаҳони бутпарастонро дар зери назорати худ нигоҳ медорад. *Подшоҳони замин* бо вай *фосиқӣ мекарданд;* вай бо фитнаҳо ва дасисаҳои худ роҳбарони сиёсиро дучори васваса мекард. *Сокинони замин аз майи фосиқии вай маст шудаанд;* шумораи бениҳоят калони онҳо зери таъсири ҳалокатовар афтода, мубталои ҳолати ҳақирона гардиданд.

**17,3** Мо ҷамоати муртадро мебинем, ки *бар ҳайвони ваҳшии қирмизӣ нишастааст.* Дар боби 13 аллакай зикр шуда буд, ки ин ҳайвони ваҳшӣ империяи барқароршудаи Рум (ва баъзан сарвари империя) мебошад. Ҳайвони ваҳшӣ *аз номҳои* куфромез *пур буда, ҳафт сар ва даҳ шох* дорад.

**17,4** Ба назар чунин менамояд, ки замоне ин ҷамоати дурӯғин бар империя ҳукмрон аст. Он дар ҳашамати комил нишаста, рамзҳои сарвати калонро дар бар кардааст, ва дар дасташ *косаи тиллое* нигоҳ медошт, ки *пур аз* бутпарастӣ ва наҷосати зинокории вай буд.

**17,5** *Бар пешонии вай номи сирре навишта шуда буд: Бобили бузург, модари фоҳишагон ва зиштиҳои замин.* Ин ҷамоатест, ки чандин асрҳо хуни риёзаткашони масеҳиро мерезонд ва ҳоло ҳам инро давом медиҳад. Вай хуни онҳоро нӯшида маст шудааст.

**17,6** Чун бисёриҳо, Юҳанно, ҳангоми *дидани ин* зан, ки аз *хуни муқаддасон* маст шудааст, бениҳоят *ҳайрон шуд.* Ин ҷо муқаддасони ҳамаи асрҳои таърихи ҷамоат дар назар дошта мешаванд, аммо махсусан риёзаткашон – *шоҳидони Исо* ҳангоми Мусибати бузург.

**17,7-8** *Фаришта* ба Юҳанно *сирри ин зан ва он ҳайвони ваҳширо* фаҳмонданӣ мешавад. *Ҳайвони ваҳшие* ки Юҳанно *дидааст, буд* (империяи Рум дар гузашта вуҷуд дошт), *ва нест* (он завол ёфт ва имрӯз чун империяи ҷаҳонӣ вуҷуд надорад), ва *ва аз асфалуссофилин мебарояд* (он боз дар шакли махсуси шайтонӣ ба вуҷуд меояд), ва *сӯи ҳалокат меравад* (он пурра ва тамоман нобуд мешавад). Барқароршавии империя ва зоҳир шудани роҳбари қобилиятноки он боиси *дар ҳайрат афтодани* тамоми ҷаҳони беимонон мегардад.

**17,9** Фаришта мегӯяд, ки ин ҷо даъват ба *ақлест,* ки *ҳикмат* дорад. *Ҳафт сар ҳафт кӯҳест, ки он зан бар онҳо нишастааст.* Ба таври анъанавӣ ин оятро чунин маънидод мекунанд; фоҳиша дар Рум марказе дорад, ки бар ҳафт теппа сохта шудааст.

**17,10** Як қисм тафсиркунандагон мефаҳмонанд, ки *ҳафт подшоҳ* ҳафт шакли ҳукмронии Рум аст, дигарон онҳоро чун ҳафт қайсари воқеӣ тафсир мекунанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин подшоҳон ифодагари давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ҳастанд: Миср, Ашшур, Бобил, Форс, Юнон, Рум ва империяи ояндаи барқароршудаи Рум.

**17,11** Подшоҳи *ҳаштум,* аз ҷумла, чун сарвари империяи барқароршудаи Рум ва зиддимасеҳ ифода меёбад. Шояд, маънои аниқи ин пайғамбарӣ то замони иҷро шуданаш ба мо комилан маълум нахоҳад буд.

**17,12** *Даҳ шох* метавонад рамзи *подшоҳони* оянда бошад, ки ба *ҳайвони ваҳшии* румӣ хизмат хоҳанд кард. Онҳо танҳо *як соат,* яъне дар давоми давраи кӯтоҳмуддат, ҳукмронӣ хоҳанд кард.

**17,13** Даҳ подшоҳ якфикрона қудрати худро ба *ҳайвони ваҳшии* румӣ медиҳанд. Бо суханони дигар, даҳ давлат (ё ҳукумат) соҳибихтиёрии миллии худро аз даст дода, ба вай мутеъ мешаванд.

**17,14** Ин империяи иборат аз даҳ подшоҳӣ ҳангоми дар охири Мусибати бузург ба замин бозгаштани Худованд Исо бар зидди Ӯ хоҳад ҷангид. Аммо дар ин ҷанг онҳо бо шикасти шадид (чун дар назди Ватерлоо) рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Агарчи Ӯ *Барра* аст, *Ӯ ҳамчунин Худованди худовандон ва* Подшоҳи подшоҳон мебошад. Пайравони Ӯ даъватшавандагон, интихобшудагон ва вафодорон мебошанд.

**17,15** Фаришта давом дода, мефаҳмонад, ки *обҳо* дар ояти 1 *қавмҳо ва мардумон ва халқҳо ва забонҳо* ҳастанд. *Фоҳиша* бар обҳо ба он маъно *нишастааст,* ки бар қисми васеи аҳолӣ ҳукмронӣ менамояд.

**17,16** Маълум мешавад, ки империяи барқароршудаи Рум якчанд вақт ба худ имкон медиҳад, ки зери назорат, ё, ақаллан, зери таъсири ҷамоат-фоҳиша бошад. Аммо баъд вай ин бори гаронро аз сари худ соқит намуда, онро нобуд месозад. *Фоҳишаи* нафратангезро ҳайвони ваҳшие ки бар он нишастааст, бараҳна, хонавайрон карда, хоҳад сӯзонд.

**17,17** Дар ҳамаи ин воқеаҳо *Худо* паси парда истодааст. Маҳз Ӯ водор менамояд, ки подшоҳиҳо зери ҳокимияти ҳайвони ваҳшии румӣ муттаҳид шаванд, ва сипас зидди фоҳиша бархезанд. Ҳамаи ин баҳри *ба ҷо овардани* хости соҳибихтиёронаи *Худо* равона шудааст.

**17,18** *Он шаҳри бузург* Бобил аст, ки *бар подшоҳони замин* ҳукмронӣ мекунад. Аммо, чунон ки мо дидем, зан маркази худро дар Рум дорад.

**18,1** Боби 18 асосан суруди мотам дорад, ки барои фурӯ ғалтидани Бобил навҳагарӣ мекунад. Чунон ки ишорат шуда буд, ин ба ҷамоат-фоҳиша дахл дорад, ки на танҳо ифодагари системаи васеи динӣ, балки, эҳтимол, муассисаи калонтарини тиҷоратӣ дар ҷаҳон аст. Аён аст, ки он бар бозори умумиҷаҳонӣ ҳукмронӣ мекунад.

Ҳангоме *фариштае,* ки *қудрати бузург* дорад, *аз осмон* барои хабар расондан *фуруд меояд,* чароғ даргиронда мешавад. *Ҷалоли Ӯ заминро* мунаввар кард.

**18,2** Бобили бузург фурӯ ғалтид, ва харобаҳои он манзили девҳо ва ҳар рӯҳи нопок ва ҳар мурғи нопоку нафратовар гардид.

**18,3** Сабаби фурӯ ғалтидани ин фоҳишаи бузург бадахлоқии шадид аст, ки вай онро бо халқҳо ва *тоҷирони онҳо* ба амал меовард. Вай ҳамаи халқҳоро бо *фосиқии* лаҷомгусехтаи худ сер кард.

**18,4** *Овози дигаре аз осмон* халқи Худоро огоҳ менамояд, ки аз ин низоми маҳкумшуда дар арафаи нобуд шудани он *берун ояд.* Бо он робита доштан маънои якҷоя бо он дучори *балоҳояш* гардиданро дорад.

**18,5-6** *Гуноҳҳои вай то ба осмон* расидаанд, *ва Худо беинсофиҳои вайро ба хотир овардааст* ва ногаҳон подоши онҳоро медиҳад. Вай бояд барои бадкориҳои худ *дučанд* сазо дода шавад, аммо на аз халқи Худо, балки аз фариштае ки силоҳи қасоси Ӯ мебошад.

**18,7** *Азоб ва дарди вай* ба ҳавобаландӣ ва ҳаёти дабдабанокаш мутаносиб хоҳанд буд. Ба фикраш, *маликаест,* ки дар баландӣ нишастааст, ва барои *дард* дастрас нест.

**18,8** Ҷазояш *дар як рӯз ба сари вай хоҳад омад,* ва аз *марг ва дард ва гуруснагӣ* иборат хоҳад буд. Худи *Худованд Худои* тавоно вайро *бо оташ* ҷазо хоҳад дод.

**18,9-10** *Подшоҳони замин сӯхтори* маликаи собиқи худро дида, *гиря* хоҳанд кард.

Аммо гиряи онҳо беғараз нест. Онҳо барои он ғамгин ҳастанд, ки аз айшу ишрат ва карруфар маҳрум гардидаанд. *Дур истода,* онҳо ҳайрон мешаванд, ки *азобҳои вай* то чӣ андоза бузург мебошанд ва то чӣ андоза анҷоми вай зуд фаро расид.

**18,11-13** *Тоҷирон гиря мекунанд,* зеро нақшаҳои онҳо оид ба сарватдор шудан ба нокомӣ дучор гардиданд. *Молҳои онҳоро дигар ҳеҷ кас намехарад.*

Рӯйхати молҳое ки Бобил харид мекард, ба назари кас бартар аз тамоми тиҷорати ҷаҳонӣ мебошад: фулузоти қиматбаҳо, зинатҳо, матоъҳо, *чӯб ва ҳар зарфи оҷ* (устухони фил), *мис ва оҳан ва мармар,* хушбӯиҳо, рангҳои сару рӯйро ороишдиҳанда (косметика), *май ва равғани зайтун, гандум, чорво, аробаҳо, ҷисмҳо ва ҷонҳои одамӣ.* Ҳам ҷамоати муртад, ҳам ҷаҳони тиҷорат дар тиҷорат бо *ҷонҳои одамӣ* айбдор ҳастанд, ҷамоат барои фурӯхтани афвнома, ҷаҳони тиҷорат бошад – барои истисмор.

**18,14** Ба низоми нокомшуда рӯй оварда, соҳибкорон дар ҳаққи он гиря мекунанд, ки даромаде ки онҳо ба он умед баста буданд, аз даст рафт, сарвату дабдабанокии Бобил бошад ногаҳон ва барои ҳамеша нест шуданд.

**18,15-16** Мисли подшоҳон, *тоҷирон* ҳайрон *истода, гирён ва мотамдор мешаванд,*

ки дар як соат чунин даромадҳо аз даст рафтаанд. Онҳо дар бораи он мегӯянд, ки шаҳр то чӣ андоза боҳашамат буда, одамон то чӣ андоза бо нафосат либос пӯшида, бо ҷавоҳирот *зинат ёфта буданд.*

**18,17-18** Акнун тамоми сарват *нобуд шуд,* ва таҳдиди ноумедии бузург ба миён омад. Онҳое ки бо тиҷорати баҳрӣ машғул буданд, *дуртар истода,* мегиристанд: *«Кадом шаҳр монанди ин шаҳри бузург будааст?»*

**18,19** *Онҳо ба сарҳошон хок пошиданд,* ва дар ҳаққи шаҳре гиря ва фиғон мекарданд, ки ҷаҳонро бо саноати баҳрӣ сарватманд кард, аммо акнун *дар як соат* хароб гардид.

**18,20** Аммо замоне ки дар замин ҳамаи ин ашкҳои бехудо мерезанд, дар *осмон* шодии бузург аст. Ниҳоят Худо барои *муқаддасон, расулон ва пайғамбарони* Худ қасос гирифт. Ӯ Бобилро барои рафтораш нисбати халқи Ӯ маҳкум намуд.

**18,21** *Фariштаи зӯрманд санги бузургеро монанди санги осиё ба баҳр* мепартояд, манзараи аёнии ҳалокати пурраи *Бобил.*

**18,22** *Овози* фаъолияти собиқи он, хоҳ мусиқӣ, касб ё истеҳсолоти ордкашӣ, барои ҳамеша хомӯш шуд.

**18,23** Ҳар *рӯшноӣ* хомӯш шуда, ва дигар ҳаргиз шодии базми арӯсӣ нахоҳад буд. Барои чӣ? Зеро бо *ҷодуи* худ роҳбарони Бобил ҳамаи *халқҳоро* дар иштибоҳ андохтанд.

**18,24** Вай *дар* рехтани *хуни муқаддасони* Худо, ва *ҳамаи* имондороне ки барои имони худ *кушта шуда буданд,* айбдор аст. Акнун Худо ба вай бо андозаи пур подош хоҳад дод.

## Й. Омадани Масеҳ ва Подшоҳии Ҳазорсолаи Ӯ (19,1–20,9)

**19,1** *Пас аз ин* Юҳанно мешунавад, ки чӣ тавр *мардуми бисёр дар осмон* Худоро барои доварии одилонааш бар фоҳишаи бузург ҷалол медиҳанд. Ин суруд Ӯро чун *Худованди мо, ки наҷот ва қудрат ва ҷалол* аз они Ӯст, болобардор мекунад.

**19,2** Он исбот мекунад, ки Ӯ *фоҳишаи бузургро* одилона маҳкум намудааст. Он ҳақиқат, ки Ӯ бояд фоҳишаро барои *фосиқияш* ва куштори хунсардонаи *бандагони* Ӯ ҷазо медод, ба хусусиятҳои ҳақиқат ва адолати Ӯ мувофиқ аст.

**19,3** *Дуде* ки аз гулхани дафн ҷовидона баланд мешуд, боиси чизи дуюм мегардад: *«Ҳалелуё!»,* ё «Худоро ҳамд гӯед!»

**19,4** *Бисту чор пир ва чор мавҷуди зинда* бо овози баланд розигии худро бо *«Омин»* ва *«Ҳалелуё» -и* самимӣ изҳор мекунанд.

**19,5** *Овозе аз ҷониби тахт* ҳамаи *бандагонро* даъват мекунад, ки Худовандро ситоиш намоянд, зеро Ӯ Бобилро нобуд кардааст.

**19,6** Акнун аз осмон суруди дигар садо медиҳад, «мисли шувваси обҳои бисёр, чун садои тундарҳои пурзӯр». *«Ҳалелуё»-и* баланд ба шарофати бар тахти подшоҳӣ нишастани *Худованд Худои Қодири Мутлақ* мебарояд!

**19,7-8** Мусибати бузург ба анҷом расид. Бобил маҳкум шудааст. Акнун никоҳи Барра фаро расид. Ҷамоат *завҷаи* Масеҳ, *худро* ба ин ҳодисаи диққатҷалбкунанда омода месозад. Вай *катони тоза ва дурахшон дар бар кардааст,* ки чунон ки шарҳ дода мешавад, *рамзи адолати муқаддасон аст.*[26]

**19,9** Фаришта ба Юҳанно фармуд, то бинависад, ки *хушо* ҳамаи онҳое *ки ба базми арӯсии Барра даъват шудаанд.* Ҷамоат арӯси осмонист; даъватшудагон наҷотёфтагони боқимонда мебошанд. Фаришта аҳамияти баракатро тақвият бахшида, исрор мекунад, ки он *суханони ҳақиқии Худоро* баён менамояд.

**19,10** Юҳанно назди *пойҳои* фаришта меафтад, то ба вай *саҷда кунад,* аммо фаришта ба ин монеъ мешавад. Танҳо ба Худо бояд таъзим намуд. Фаришта *ҳамкори* Юҳанно ва ҳамаи онҳоест, ки *шаҳодати Исоро* доранд. Баъд фаришта илова мекунад: *«Зеро ки шаҳодати Исо рӯҳи пайғамбарӣ аст».* Ин маънои онро дорад, ки мақсади асосии пайғамбарӣ аз он иборат аст, ки дар бораи Шахсияти *Исо* ва дар бораи амалҳои Ӯ шаҳодат диҳад. Мувофиқи гуфтаҳои Ч. К. Райрӣ «мақсади пайғамбарӣ кушодани зебоии Исо аст».[27]

Фаришта мехост, то одамон *ба Худо* Писар, ки дар бораш шаҳодат медод, *саҷда кунанд.*

**19,11** Ниҳоят мо ба воқеае расидем, ки тамоми қисми пештари ин китоб бесаброна интизори он буд – бозомадани пурҷалоли Масеҳ ба замин барои сарнагун кардани ҳамаи душманонаш ва барпо намудани Подшоҳии Худ. Ин боло бурда шудани Ҷамоат нест; он ҷо Ӯ ба осмон (ҳаво) *барои* муқаддасони Худ

меояд. Ин ҷо Ӯ ба замин *бо* муқаддасони Худ меояд.

Аҳамият диҳед, ки Худованди мо чӣ хел тасвир ёфтааст. Ӯ бар *аспи сафед* менишинад; ин ҷо, яқинан аспи ҷангист, зеро Ӯ барои мағлуб кардани душманони Худ меравад. Ӯро *Бовафо ва Ҳақ* меноманд. Ӯ дар ваъдаҳои Худ *бовафо* ва аз рӯи хислати Худ *ҳақ* аст. Ӯ *аз рӯи адолат доварӣ мекунад ва меҷангад.* Ӯ танҳо бар он кишваре подшоҳӣ карда метавонад, ки он ҷо мардум мехоҳанд зери ҳокимияти *адолат* зиндагӣ кунанд. Бинобар ин Ӯ пеш аз ҳама бояд ҳар он чиро, ки Ӯро таҳқир мекунад, маҳв намояд.

**19,12** Баёноти *«чашмони Ӯ мисли шуълаи оташ мебошанд»* ба қуввати ба ҳама ҷо воридшавандаи Ӯ далолат мекунад. Ӯ метавонад ҳар гуна зиддият ва беимониро ошкор намояд. *Бар сари Ӯ* тоҷҳои *бисёр* мебошанд. Дигарон метавонанд тоҷи ғалаба бар сар ниҳанд, аммо, чунон ки ин ҷо гуфта шудааст, тоҷи шоҳонаро танҳо Худованд Исо метавонад бар сар ниҳад. *Ӯ номи* навиштае дорад, ки онро *ғайр аз Худи Ӯ* ҳеҷ кас намедонад. Асрори бо Шахсияти Исо алоқаманде ҳастанд, ки онҳоро ҳеҷ як махлуқи зинда дарк карда наметавонад.

**19,13** *Ӯ либоси хунолуде дорад,* на Хуне ки Ӯ дар салиби Ҷолҷолто резондааст, балки *хуни* душманони Ӯ, ки Ӯ онҳоро дар чархушти ғазаби Худо пахш мекунад. *Исми Ӯ* чунин аст: *«Каломи Худо». Калом* усули баён намудани фикр аст. Дар Масеҳ Худо ба одамон Худро пурра баён намуд.

**19,14** Ӯро *лашкарҳои осмон, катон дар тан* ва савори *аспҳои сафед* ҳамроҳӣ мекарданд. Бешубҳа, ин лашкарҳо аз муқаддасон иборатанд, аммо шоёни диққат ин аст, ки иштироки онҳо дар ҷанг талаб карда намешавад. Худованд Исо душманони Худро бидуни кӯмаки онҳо маҳв мекунад.

**19,15** *Аз даҳони Ӯ шамшери тез берун меояд,* ки ба воситаи он Ӯ *халқҳоро* зарба мезанад. Ӯ меояд, то онҳоро бо асои оҳанин чӯпонӣ кунад ва *чархушти майи ғазаби хурӯшони Худои Қодири Мутлақро* пойкӯб намояд.

**19,16** Бар либос ва бар рони Ӯ навишта шудааст:

**ПОДШОҲИ ПОДШОҲОН**
**ВА ХУДОВАНДИ ХУДОВАНДОН**
**Исои мо Ҳокими олист,**
**ҳамаи дигарон бояд ба Ӯ тобеъ шаванд.**

**19,17-18** *Зиёфати бузурги Худо* нобудшавии бақияи душманони Худо дар арафаи барпо шудани Подшоҳӣ мебошад. Ба он лошахӯрон даъват шудаанд! Онҳо аз ҷасадҳои ҳамаи онҳое ки Худо зарба задааст, аз одамони ҳамаи табақаҳо, *хурдон ва бузургон,* сер хоҳанд шуд.

**19,19-20** *Ҳайвони ваҳшӣ* сахт кӯшиш мекунад, то ба Масеҳ имконият надиҳад, ки инони ҳокимиятро ба даст гирад (Заб. 2) ва бо *лашкарҳои* ҷаҳон паймон мебандад, *то* бо Худованд ва *лашкари Ӯ ҷанг кунад.* Аммо ин кӯшиши беҳуда аст. Ҳам *ҳайвони ваҳшӣ,* ва ҳам *пайғамбари дурӯғин дастгир шуда, зинда ба кӯли оташ андохта шуданд, ки дар он кибрит месӯхт.*

**19,21** Исёнгарони *боқимонда бо шамшери* Худованд *кушта шуданд,* ҷасадҳои онҳо бошад барои каргасон ғизои фаровон шуд. Шамшер ифодагари Каломи Худост (ниг. Эфс. 6,17; 2Тас. 2,8; Ибр. 4,12; Ваҳӣ 1,16; 2,12.16).

Инак мо ба анҷоми Мусибати бузург наздик шудем.

**20,1** Пеш аз сар шудани Подшоҳии Ҳазорсола шайтон бояд маҳдуд карда шавад. Барои амалӣ гардидани ин *фариштае аз осмон* бо калиди асфалуссофилин *фуруд меояд,* ва *дар дасташ занҷири* бузургест.

Ба як маъно Худованд ҳангоми ба замин фуруд омаданаш аллакай шайтонро занҷирбанд карда буд (Мат. 12,29). Ин зинаи дигари занҷирбанд кардани ӯст.

**20,2** Фаришта шайтонро дастгир намуда, ба муддати ҳазор сол занҷирбанд намуд.

Юҳанно чор номи васвасакунандаро номбар мекунад: *аждаҳо, мори қадимӣ, иблис* (айбдоркунанда) *ва шайтон* (мухолифаткунанда).

**20,3** Душмани ашаддӣ дар давоми тамоми давраи Подшоҳии Ҳазорсола *дар асфалуссофилин занҷирбанд* шудааст. Ба асфалуссофилин муҳр зада шудааст, бинобар ин дигар вай *халқҳоро фиреб дода* наметавонад. Дар охири подшоҳии Масеҳ вай барои исёни охирини кӯтоҳмуддат аз нав озод карда мешавад (о. 7-10).

**20,4** Акнун дар тахтҳои осмонӣ Юҳанно одамонеро мебинад, ки ихтиёри ҳукм карданро доранд. Ин муқаддасони замонҳои Ҷамоат ҳастанд, ки *бо Масеҳ* чун Арӯси Ӯ ҳукмронӣ хоҳанд кард. Юҳанно ҳамчунин гурӯҳи риёзаткашонро мебинад, ки нишонаи *ҳайвони ваҳширо* рад карданд. Аён аст, ки ин муқаддасони

Мусибати бузург мебошанд, ки барои имони худ ҷон фидо карданд. Ҳар ду гурӯҳ дар давраи асри тиллоии осоиш ва гулгулшукуфӣ *бо Масеҳ* ҳукмронӣ хоҳанд кард.

**20,5** Қисми якуми ояти 5-ро бояд чун таваққуф ҳисоб кард. *Боқии мурдагон* ба беимонони ҳамаи асрҳо дахл доранд, ки дар охири Подшоҳии Ҳазорсола зинда хоҳанд шуд, то ба доварии назди Тахти Бузурги Сафед ҳозир шаванд.

Баёноти *«ин растохези якум аст»* моро ба ояти 4 бармегардонад. *Растохези якум* воқеаи якдафъаина нест. Он *растохези* одилонро дар замонҳои мухталиф тасвир менамояд. Ба он растохезҳои зерин дохил мешаванд: *растохези* Масеҳ (1Қур. 15,23), *растохези* касоне ки дар Масеҳ мурдаанд дар лаҳзае ки Ӯ Ҷамоатро ба боло мебарад (1Тас. 4,13-18), *растохези* ду шоҳид, ки ҷасадҳошон дар кӯчаҳо хоҳанд хобид (Вахӣ 11,11), ва *растохези* муқаддасони Мусибати бузург, ки ин ҷо тасвир ёфтааст (ҳамчунин ниг. Дон. 12,2). Дигар хел карда гӯем, *растохези якум растохези* Масеҳро ва ҳамаи имондорони ҳақиқиро дар бар мегирад, агарчи онҳо дар замонҳои мухталиф зинда мешаванд. Он дар якчанд марҳала рӯй медиҳад.

**20,6** Онҳое ки *дар растохези якум* иштирок доранд, *хушбахтанд,* зеро онҳо дар *марги дуюм,* ки он вақт ҳамаи беимонон ба кӯли оташ андохта мешаванд (о. 14), иштирок нахоҳанд дошт. Имондорони ҳақиқӣ *коҳинони Худо ва Масеҳ мешаванд, ва бо Ӯ ҳазор сол подшоҳӣ мекунанд.*

**20,7-8** *Ҳангоме ки он ҳазорсола анҷом ёбад, шайтон аз* зиндони худ *озод мешавад,* ва ба *чор гӯшаи замин берун меояд,* то *халқҳоеро,* ки ин ҷо *Ҷуҷ ва Моҷуҷ* номида шудаанд, ва нисбати Масеҳ душманӣ доранд, *фиреб кунад.* Ин ишораро ба Ҷуҷ ва Моҷуҷ бо ҳамин гуна истинод дар Ҳизқиёл 38 ва 39 набояд омехта кард. Он ҷо Моҷуҷ кишвари бузург дар шимоли Исроил аст, Ҷуҷ бошад ҳокими он. Ин ҷо ин суханон умуман ба халқҳои ҷаҳон дахл доранд. Дар Ҳизқиёл вазъият то Подшоҳии Ҳазорсола тасвир меёбад; ин ҷо пас аз Подшоҳии Ҳазорсола.

**20,9** Лашкари бехудоёнро ҷамъ оварда, иблис ба муқобили Уршалим, *шаҳри дӯстдошта* берун меояд. Аммо *аз осмон аз ҷониби Худо оташ фуромада,* ин лашкарҳоро фурӯ хоҳад бурд.

## Й. Доварӣ бар шайтон ва ҳамаи беимонон (20,10-15)

**20,10** *Иблис ба кӯли оташ партофта шуд,* то ба қисмати *ҳайвони ваҳшӣ ва пайғамбари дурӯғин* шарик шавад.

Мо метавонем ҳайрон шавем, ки дар охири Подшоҳии Ҳазорсола шайтон лашкари беимононро ҷамъ оварда тавонист. Аммо бояд дар ёд дошт, ки ҳамаи кӯдаконе ки дар давраи подшоҳии Масеҳ зода шудаанд, ба наҷот эҳтиёҷ хоҳанд дошт, зеро дар ҷисмҳои пургуноҳ зода шудаанд. На ҳама Ӯро чун Подшоҳи ҳақиқӣ қабул мекунанд. Чунин касон дар саросари замин пароканда шуда, кӯшиш мекунанд, ки аз Уршалим то ҳадди имкон дуртар маскан гузинанд.

Диққат диҳед, ки пас аз ҳазор сол *ҳайвони ваҳшӣ ва пайғамбари дурӯғин* ҳанӯз ҳам дар дӯзах ҳастанд. Изҳороти «... *онҳо шабу рӯз то абад азоб мекашанд»* таълимотро дар бораи нобудшавӣ инкор мекунад.

**20,11** Баъд *тахти бузурги сафед* манзури мо мегардад. Он *бузург* аст, зеро дар он масъалаҳои бузург ҳал мешаванд, ва *сафед,* зеро қарорҳое ки дар он қабул карда шудаанд, комил ва бенуқс мебошанд. Худованд Исо бар он чун Довар менишинад (Юҳ. 5,22.27). *«Аз ҳузури Ӯ осмон ва замин мегурехтанд»* ба он ишорат мекунад, ки доварӣ дар абадият, пас аз нобуд шудани офариниши кунунӣ, ба амал меояд (2Пет. 3,10).

**20,12** *Мурдагон, хурдон ва бузургон дар пеши Худо* истодаанд. Инҳо беимонони тамоми асрҳо ҳастанд. Ду навъи *дафтарҳо кушода шудаанд. Дафтари ҳаёт* номҳои ҳамаи касонро дар бар мегирад, ки бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ наҷот ёфтаанд. Дафтарҳои дигар сабти муфассали *амалҳои* наҷотнаёфтагонро дар бар мегирад. Аз онҳое ки ба ин доварӣ ҳозир шуданд, ҳеҷ кас дар *дафтари ҳаёт* сабт нашудааст. Дар ин дафтар набудани номҳояшон боиси айбдоршавии онҳо мегардад, сабти *амалҳои* гуноҳолуди онҳо бошад барояшон дараҷаи ҷазоро муайян мекунад.

**20,13** *Баҳр* мурдагонеро, ки дар вай буданд, хоҳад дод. Қабрҳо, ки ин ҷо чун *марг* ифода шудаанд, ҷисмҳои ҳамаи наҷотнаёфтагонро, ки ба хок супурда шудаанд, хоҳанд дод. Дӯзах («ҳадес» дунёи мурдагон) ҷонҳои ҳамаи онҳоеро, ки дар беимонӣ мурданд, хоҳад дод.

ҷисмҳо ва ҷонҳо якҷоя хоҳанд шуд, то ба ҳузури Довар истанд.

Айнан чунон ки дар осмон дараҷаҳои мукофот гуногун хоҳанд буд, ончунон дар дӯзах дараҷаҳои ҷазо хоҳанд буд. Ин ба *амалҳо* вобаста хоҳад буд.

**20,14** Вақте мо мехонем, ки *марг ва дунёи мурдагон* («ҳадес»)[28] *ба кӯли оташ партофта шуданд,* ин дар бораи тамоми шахсият далолат мекунад: рӯҳ ҷон ва бадан. Матн ба мо мефаҳмонад, *ки ин марги дуюм аст,* яке аз тарҷумаҳо бошад илова мекунад: *кӯли оташ.*

Миёни ҳадес ва дӯзах фарқ ҳаст. Барои мурдагони беимон ҳадес ҳолати беҷисм дар азобҳост. Ин гӯё бошишгоҳ, ҳолати мобайнист, ки дар он ҷонҳо интизори доварӣ дар пеши Тахти Бузурги Сафед мебошанд.

Барои мурдагони имондор ҳадес ҳолати беҷисми хушбахтӣ дар осмон ва интизори зинда шудан ва гирифтани ҷисми ҷалолёфта мебошад. Вақте Исо мурд, Ӯ ба биҳиште рафт (Луқ. 23,43), ки Павлус онро ба осмони сеюм баробар мекунад (2Қур. 12,2.4), ва дар он макони иқомати Худост. Дар Аъмол 2,27 ҳолати беҷисми Худованд «ҳадес» номида мешавад. Худо ҷони Ӯро дар ҳадес нагузошт, балки ба Ӯ бадани ҷалолёфта пӯшонд.

Дӯзах зиндони охирин барои мурдагони гуноҳкор аст. Ин худи ҳамон чиз аст, ки кӯли оташ, ҷаҳаннам ва марги дуюм мебошад.

**20,15** Дар ин доварӣ омили ҳалкунанда он хоҳад буд, ки оё номи шахс *дар дафтари ҳаёт навишта шудааст* ё не. Дар асл, агар номи одам дар он ҷо навишта мешуд, он гоҳ вай аллакай дар растохези якум иштирок медошт. Ҳамин тавр, ин оят танҳо ба онҳое дахл дорад, ки пеши Тахти Бузурги Сафед меистанд.

## К. Осмони нав ва замини нав (21,1–22,5)

**21,1** Савол ба миён меояд: Бобҳои 21 ва 22 танҳо оид ба Подшоҳии абадӣ нақл мекунанд ё ҳам Подшоҳии Ҳазорсола ва ҳам Подшоҳии абадиро тасвир менамоянд? Азбаски Подшоҳии Ҳазорсола ва абадият аз бисёр ҷиҳат монанд ҳастанд, аҷиб нест, ки дар тасвирҳои расул Юҳанно онҳо баъзан якҷоя мешаванд.

Ин ҷо Подшоҳии абадӣ *осмони нав ва замини нав* номида шудааст. Онҳоро бо осмони нав ва замини нав, ки дар Ишаъё 65,1725 тасвир ёфтаанд, омехта кардан лозим нест. Он ҷо Подшоҳии Ҳазорсола дар назар дошта мешавад, зеро гуноҳ ва марг ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд. Онҳо аз Подшоҳии абадӣ ба таври доимӣ нест хоҳанд шуд.

**21,2** Юҳанно *шаҳри муқаддас – Уршалими навро мебинад, ки аз ҷониби Худо аз осмон фуруд меомад, ва муҳайё шуда буд чун арӯсе ки барои шавҳараш зинат ёфтааст.* Он воқеият, ки дар ҳеҷ ҷо дар хусуси ба замин фуромадани он гуфта намешавад, баъзеро ба он водор менамояд, ки онро бар замини нав парвозкунанда бинанд. Номи сибтҳои Исроил, ки дар дарвозаҳои шаҳр навишта шудаанд, ба он ишорат мекунанд, ки Исроили наҷотёфта ҳуқуқи ба шаҳр даромаданро хоҳад дошт, агарчи он қисми худи Ҷамоат нест. Фарқ дар байни Ҷамоат (Арӯс, Завҷаи Барра, о. 9), Исроил (о. 12) ва халқҳои ғайрияҳудӣ (о. 24) доимо нигоҳ дошта мешавад.

**21,3** Ба гӯши Юҳанно *аз осмон* хабар мерасад, ки *хаймаи Худо бо одамон аст ва Ӯ бо онҳо* зиндагонӣ хоҳад кард. Ҳамчун *қавми Ӯ* онҳо аз мушоракат бо Ӯ, ки хеле наздиктар аз он аст, ки як вақтҳо орзу мекарданд, ҳаловат хоҳанд бурд. *Худи Худо бо онҳо* ва *Худои онҳо* хоҳад буд – дар мушоракати наздиктар ва азизтар.

**21,4-5** Изҳороти *«ва ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок мекунад»* маънои онро надорад, ки дар осмонҳо ашк хоҳад буд. Ин усули шоирона буда, ба мо мегӯяд, ки ашк дар он ҷо нахоҳад буд! Дар он ҷо *марг, гиря, ва дард нахоҳад буд!* Ҳамаи ин аз ҳаёти халқи Худо ба таври доимӣ нест хоҳад шуд.

*Тахтнишин ҳама чизро нав* хоҳад офарид. *Суханони Ӯ рост ва боваринок мебошанд,* ва албатта, ба амал хоҳанд омад.

**21,6** Эълон шудани Подшоҳии абадӣ ифодагари анҷоми нақшаҳои Худо барои заминест, ки мо бар он сокинем. Чунон ки *Алфа* ва *Омега* ҳарфҳои якум ва охирини алифбои юнонӣ аст, ончунон Худо низ *Оғоз ва Анҷом,* Офаридгор ва Мақсади офариниш мебошад; Ӯ Оғоздиҳанда ва Анҷомдиҳанда аст, Ӯ Он Ҷовидон аст. Маҳз Ӯ *оби ҳаётро* (наҷотро) *муфт* ба онҳое медиҳад, ки *ташнаи* он ҳастанд.

**21,7** Маҳз Ӯ ғолиброро бо мероси пурра ва наздикии наве ки айнан чун байни Падар ва *Писар* аст, баракат медиҳад. Чунон ки пештар

зикр карда будем, ғолиб шахсест, ки ба Писари Худо будани Исо бовар мекунад (1Юҳ. 5,5). Бо имон вай ҷаҳонро мағлуб месозад (1Юҳ. 5,4).

**21,8** Аммо на ҳама ғолиб ҳастанд. Баъзеҳо *тарсончаканд* – аз эътироф кардани Исо метарсанд; *беимонанд* – намехоҳанд ба Наҷотдиҳандаи гуноҳкорон эътимод кунанд; гуноҳкоранд – дар гуноҳҳои худ мемонанд, хоҳ онҳо дар ин маъсиятҳои ошкор айбдор ҳастанд ё не; *палиданд* – ба бадахлоқии нафратовар дода шудаанд; *одамкушанд* – кушандаҳои бадқасд ва бераҳм; *фосиқонанд* – онҳое ки зино ва дигар навъи гуноҳҳои шаҳвониро ба ҷо меоваранд; *ҷодугаронанд* – онҳое ки бо рӯҳҳои бад робита доранд; *бутпарастонанд* – онҳое ки ба воситаи парастиши бутҳо Худоро таҳқир мекунанд; ва *ҳама дурӯғгӯёнанд* – фиребгарони ашаддӣ. Насибашон дар *кӯли оташ* аст, ки он ҷо қисмати охирини онҳост.

**21,9** *Яке аз он ҳафт фаришта,* ки косаи доварӣ дошт, ба Юҳанно пешниҳод кард, ки Уршалими навро, ки *арӯс, зани Барра* номида шудааст, муфассалтар дида барояд. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки шаҳр иқоматгоҳи *арӯс* аст.

**21,10-11** *Дар Рӯҳ ба кӯҳи бузург ва баланде бурда шуда,* Юҳанно аз нав Уршалимро дид, *ки аз осмон аз ҷониби Худо фуруд меомад,* ва монанди санги гаронбаҳо, аз *ҷалоли Худо* нур пошида, медурахшид.

**21,12-13** Онро *девори* яклухт иҳота мекард, ки *дувоздаҳ дарвоза* дошт, ва бар дарвозаҳо дувоздаҳ фаришта буд. Дарвозаҳо *номҳои дувоздаҳ қабилаи Исроилро* доштанд. Ба ҳар тарафи дунё *се дарвоза* нигаронида шуда буд.

Шумораи *дувоздаҳ* дар ин китоб бисту як бор ва ҳафт бор дар ин боб зикр карда мешавад. Одатан онро ба сифати шумораи ҳукумат ё идора кардан маънидод менамоянд.

**21,14** *Дувоздаҳ таҳкурсии девор номи дувоздаҳ расули Барраро* доранд. Инро метавон бо воқеияти он муносибатдор кард, ки бо таълимоти худ дар бораи Масеҳ онҳо асоси Ҷамоатро гузоштанд (Эфс. 2,20).

**21,15-16** Фаришта бо найи андозагии *тиллоӣ* муайян кард, ки *дарозӣ, фарохӣ ва баландии* шаҳр тақрибанан *дувоздаҳ ҳазор стадия аст* (2250-2400 км). Сарфи назар аз он ки шаҳр шакли мураббаъ ё пирамидаро дорад, он берун аз ҳудудҳои Исроили барқароршуда тӯл мекашад.

**21,17** Ғафсии девор *саду чилу чор оринҷ аст.* Баёноти *«андозаи одамизод, ки онро фаришта истифода мебурд»* маънои онро дорад, ки фаришта дар ояти 9 ва 15 воҳидҳои андозагирии одамиро истифода мебарад.

**21,18** Тасвири *девор (алмос)* ва *шаҳр (зари холис),* агарчи тасаввур кардани онҳо душвор аст, барои он пешбинӣ шудааст, ки ҳашамат ва ҷалолатро эҳсос намоем. Ва муваффақият ба даст омадааст.

**21,19-20** Дувоздаҳ *таҳкурсӣ* бо дувоздаҳ сангҳои қиматбаҳо зинат дода шудаанд, мисли онҳое ки дар синабанди саркоҳин буданд ва дувоздаҳ сибти Исроилро ифода мекарданд. Ҳамаи сангҳоро ва маънои рӯҳонии онҳоро муайян кардан номумкин аст.

**21,21** *Дувоздаҳ дарвоза дувоздаҳ марворид,* ёдоварӣ дар бораи он аст, ки Ҷамоат марвориди гаронбаҳое буда, Наҷотдиҳанда барояш тамоми чизҳои доштаашро тарк кард (Мат. 13,45.46).

*Кӯчаҳои шаҳр зари холис, монанди шишаи шаффоф аст,* ки дар бораи ҷалоли бенуқс далолат мекунад.

**21,22-23** Аммо дар шаҳр чизе нест. Ба *ибодатхона* эҳтиёҷ вуҷуд надорад, зеро дар он *Худованд Худои Қодири Мутлақ* ва *Барра* ҳастанд. Дар он ҷо на *офтоб* ҳасту на *моҳтоб,* зеро ҷалоли Худо ва *Барра* онро равшан мекунад.

**21,24** Халқҳо аз зебоии он ҳаловат хоҳанд бурд, ва *подшоҳони замин* ба Худованд қоил хоҳанд шуд.

**21,25** Дар он ҷо *дарвозаҳои* басташуда нест, зеро дар он ҷо амнияти пурра ва воридшавии озодона ҳукмфармост. Он ҷо *шаб* нест; ин кишвари рӯзи бепоён аст.

**21,26** Чунон ки аллакай зикр шуда буд, *халқҳо* ба ин шаҳр тамоми сарвати худро, *ҷалол* ва *иззатро* хоҳанд овард.

**21,27** Ба он ҷо ҳаргиз ҳеҷ чизи палид ворид намешавад, балки фақат онҳое ки дар дафтари ҳаёти Барра навишта шудаанд.

**22,1-2** *Дарёи покизаи оби ҳаёт дар миёнаи кӯчаҳои он аз тахти Худо ва Барра* ҷорӣ аст. Дар *ҳар ду канори дарё дарахти ҳаёт бо дувоздаҳ меваи* гуногун мерӯянд, ки хӯрдани онҳо дигар мамнуъ нест. Ин асос медиҳад, то тахмин намоем, ки Худо барои ҳар мавсим ғизо фароҳам меоварад. *Барги дарахт барои*

*шифои халқҳост* – баёноти маҷозӣ буда, дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо доимо солим хоҳанд буд.

**22,3-5** А. Т. Пиерсон чунин ҷамъбастро пешкаш мекунад:

*«Ва ҳеҷ лаънатшудае дигар намешавад»* – тамоман набудани гуноҳ;

*«тахти Худо ва Барра дар вай мешавад»* – ҳукумати комил;

*«бандагони Ӯ ба Ӯ ибодат мекунанд»* – хизматгузории комил;

*«рӯи Ӯро мебинанд»* – мушоракати комил;

*«номи Ӯ бар пешониҳошон мешавад»* – монандии комил;

*«ва шаб он ҷо намешавад»* – саодати комил;

*«то абад подшоҳӣ мекунанд»* – ҷалоли комил.[29]

## Қ. Огоҳиҳо, тасаллоҳо, даъватҳо ва баракатхоҳиҳои хотимавӣ (22,6-21)

**22,6** Фариштаи тафсиркунанда боз ба Юҳанно дар бораи ҳақиқӣ будани тамоми ваҳӣ ёдрас мекунад. *Худованд Худо фариштаи Худро фиристод, то ба бандагони Худ* манзараи воқеаҳоеро, ки бояд *ба зудӣ* рӯй диҳанд, нишон диҳад.

**22,7** Омадани пурҷалоли Наҷотдиҳанда лаҳзаи авҷ, ҳадди камоли ҳамаи ин хоҳад буд. Ӯ моро дилпур менамояд, ки *ба зудӣ* хоҳад омад. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки Ӯ ё ба қарибӣ меояд, ё ногаҳон; ин ҷо бештар «ба қарибӣ» мувофиқ аст. Саодати махсус ба шахсе ато хоҳад шуд, *ки суханони пайғамбарии ин китобро риоя мекунад*. Вақте мо бо умед ба бозгашти Ӯ зиндагӣ мекунем, мо инро ба ҷо меоварем.

**22,8-9** Вақте *Юҳанно ин чизҳоро дид ва шунид,* пеши пойҳои *фаришта афтод,* аммо фаришта ба вай иҷозат надод, ки ин тавр кунад. Фаришта танҳо офарида аст; танҳо ба *Худо бояд* саҷда намуд.

**22,10** Юҳанно бояд *ин пайғамбариро мухр намезад,* зеро *вақти* иҷрошавии он наздик аст. *Мухр задан* – эълон кардани онро ба таъхир андохтан аст.

**22,11** Вақте замони иҷроиши он фаро расад, *бадкорон* боз ҳам бештар дар нопушаймонии худ устувор хоҳанд шуд. Вақте Худованд ба замин бармегардад, *нопокон* аз имконияти ислоҳ шудан маҳрум хоҳанд шуд. Аммо *росткорон* росткорона, ва *муқаддасон* муқаддасона зиндагӣ хоҳанд кард.

**22,12-13** Боз Худованд оид ба омадани наздики Худ эълон мекунад, ва ин дафъа ваъда медиҳад, ки *ҳар касро мувофиқи амалаш сазо медиҳад*. Боз Ӯ оид ба Худ чун оид ба *Алфа ва Омега* сухан меронад. Касе ки ҳама чизро офаридааст, дар арсаи замон пардаро хоҳад кашид.

**22,14** Ду варианти ин оят ҳаст: *«Хушо онҳое ки фармудаҳои Ӯро риоя мекунанд»* ва «Хушо онҳое ки либосҳои худро шустанд». Мо дар ҳеҷ ҷо намехонем, ки ба воситаи амалҳо сазовори наҷот шудан мумкин аст; аниқтараш, амалҳо самар ва исботи наҷот ёфтан мебошанд. Танҳо имондорони ҳақиқӣ ҳуқуқи ба *дарахти ҳаёт* даст расондан ва ба *шаҳри* абадӣ даромаданро доранд.

**22,15** *Сагон, ҷодугарон, фосиқон, одамкушон, бутпарастон* ва дурӯғгӯён абадан аз осмон берун ронда хоҳанд шуд. *Сагон* гуфта, ин ҷо зинокорон (Так. Шар. 23,18), бутпарастони нопок (Мат. 15,26) ё муаллимони шариатпарасти яҳудӣ (Фил. 3,2), дар назар дошта мешаванд.

**22,16** Худованд *фариштаи* Худро бо хабаре ба *ҷамоатҳо фиристод*. Ӯ оид ба Худ ҳамчун оид ба *реша ва насли Довуд* сухан мегӯяд. Агар гап дар бораи табиати илоҳии Ӯ равад, Ӯ *Офаридгори* Довуд аст. Агар гап дар бораи табиати одамии Ӯ равад, он гоҳ Ӯ *насли* Довуд аст. *Ситораи дурахшони субҳ* дар осмон то баромадани офтоб намоён мешавад. Ҳамчун *Ситораи дурахшони субҳ,* Масеҳ аввал пеши Ҷамоат меояд; ин ҳангоми боло бурда шудан рӯй медиҳад. Дертар Ӯ ба замин чун Офтоби адолат хоҳад омад, ва дар шуои Ӯ шифо хоҳад буд (Мал. 4,2).

**22,17** Ин оятро ду хел фаҳмидан мумкин аст. Ин метавонад даъвати инҷилӣ ба ҳама бошад, вақте ҳам *рӯҳ,* ҳам *арӯс,* ва ҳар кӣ мешунавад, ташнагонро илтиҷо мекунанд, ки назди Масеҳ барои наҷот *биёянд*. Ё ҳар сеи шахсиятҳо, ки калимаи *«биё»-ро* такрор менамоянд, Масеҳро илтиҷо мекунанд, ки биёяд, ва пас аз ин наҷотнаёфтагонро даъват мекунанд, то назди Ӯ *омада, оби ҳаётро* (наҷотро) бигиранд, ва бо ин роҳ ба омадани Ӯ омода шаванд.

**22,18-19** Агар одамон ба он чи дар *ин китоби* Ваҳӣ навишта шудааст, чизе илова

намоянд, он гоҳ аз *балоҳое* ки дар он тасвир ёфтаанд, азоб хоҳанд кашид. Азбаски мавзӯи ин китоб бо тамоми Навиштаи Муқаддас зич алоқаманд аст, ин оят ҳар шахсеро, ки кӯшиши таҳриф кардани Каломи Худоро мекунад, айбдор менамояд. Чунин ҷазо ба ҳар *касе* эълон карда мешавад, ки *аз* ин *пайғамбарӣ чизеро кам мекунад*. Ин на ба тафовутҳои камаҳамият дар тарҷума, балки ба инкори рӯйрости илҳоми илоҳӣ доштан ва комил будани Навиштаи Муқаддас дахл дорад. ҷазои ин марги абадист. *Худо насиби Ӯро аз дарахти ҳаёт кам мекунад*. Ин маънои онро дорад, ки вай ҳаргиз мисли онҳое ки ҳаёти ҷовидонӣ доранд, хушбахт нахоҳад шуд.

**22,20** Ваҳӣ бо ваъда ва баракатдиҳӣ анҷом меёбад. Ваъда аз он иборат аст, ки Худованд Исо *ба зудӣ меояд*. Чунон ки аллакай зикр шудааст, ин метавонад маънои «ба қарибӣ» ё «ногаҳон»-ро дошта бошад. Умед ба бозгашти ногаҳонӣ боиси чунин интизорӣ ва ҳушёрӣ намешавад, чунон ки умед ба бозгашти *зуд* шуда метавонад. Дар шахси наҷотёфта ба умеди саодатманд ҷавоб медиҳад: *«Омин. Оре, биё, эй Худованд Исо»*.

Чунон ки Ҳастӣ китоби ибтидоҳост, ончунон Ваҳӣ китоби анҷомҳост. Мавзуъҳое ки дар китоби якум пешкаш шудаанд, дар китоби охирин амалӣ гардиданд. Ба чизҳои зерин диққат диҳед:

| *Ҳастӣ* | *Ваҳӣ* |
|---|---|
| Офариниши осмон ва замин (Ҳас. 1,1). | Нобуд шудани осмон ва замин (Ваҳӣ 20,11). Офариниши осмони нав ва замини нав (Ваҳӣ 21,1). |
| Оғози ҳукмронии шайтон дар замин (Ҳас. 3,1-7). | Шайтон дар кӯли оташ андохта шуд (Ваҳӣ 20,10). |
| Гуноҳ вориди ҷаҳон мешавад (Ҳас. 3,1-7). | Гуноҳ дур карда шудааст (Ваҳӣ 21,27). |
| Малъун шудани офарида (Ҳас. 3,17-19). | Лаънат бекор шудааст (Ваҳӣ 22,3). |
| Ҳуқуқ ба дарахти ҳаёт аз даст рафтааст (Ҳас. 3,24). | Роҳ ба дарахти ҳаёт барқарор шудааст (Ваҳӣ 22,2.19). |
| Берун ронда шудани одам аз боғи Адан (Ҳас. 3,24). | Одам боз (ба биҳишт) даъват карда мешавад (Ваҳӣ 22,1-7) |
| Марг ба ҷаҳон дохил мешавад (Ҳас. 2,17; 5,5). | Марг дигар нахоҳад буд (Ваҳӣ 21,4). |
| Никоҳи Одами аввал (Ҳас. 4,1). | Никоҳи Одами охирин (Ваҳӣ 19,7). |
| Азоб ба ҷаҳон медарояд (Ҳас. 3,16). | Азоб дигар нахоҳад буд (Ваҳӣ 21,4). |

**22,21** Акнун мо ба баракати охирини ин китоби аҷиби Ваҳӣ ва Каломи Худо омада расидем. Ин анҷоми осоиштаи китобест, ки пур аз гулдурросҳои доварии илоҳӣ аст.

Юҳанно мехоҳад, ки *файзи Худованди мо Исои Масеҳ* бо халқи Худо бошад. Дар дастнависҳои қадим се варианти шавқовари ин оят ҳаст:

1. Мувофиқи матни интиқодӣ (НА), Юҳанно мехоҳад, то файзи Масеҳ бо *ҳама* бошад. Аммо ин ба мавзӯе ки дар Ваҳӣ оид ба ғазаби ба аксарият таҳдид мекарда оварда шудааст, мувофиқат намекунад.
2. Варианти анъанавӣ беҳтар аст. Файзи Масеҳ ба *«ҳамаи шумо»* орзу карда мешавад. Аксарияти шунавандагон ва хонандагони Ваҳӣ имондорони ҳақиқианд.
3. Бо назардошти тазодҳои тез миёни муқаддасон ва гуноҳкорон дар ин китоб варианти беҳтаринро дар аксарияти матнҳо меёбем: *«Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи* муқаддасон *бод. Омин»*.

# Тавзеҳот

1. (Муқаддима) Дар Инҷил ва Ваҳй феъли «эккентезан» кор фармуда мешавад; дар Септуагинта дар китоби Закарё шакли он «каторхезанто» аст.
2. (Муқаддима) Дар забонҳои ибрӣ ва юнонӣ ҳарфҳо ададро низ ифода мекунанд. Масалан, алеф ва алфа 1, бет ва бета 2 ва Ҳамин тавр, ҳар гуна номро бо ёрии рақамҳо тасвир кардан мумкин аст. Хеле шавқовар аст, ки номи юнонии Исо («Иесоус») бо рақами 888 ифода меёбад. (Адади ҳашт адади ибтидои нав ва зиндашавист.) Чунин ҳисобида мешавад, ки ифодаи ададии ҳарфҳои номи ҳайвони ваҳшӣ ба 666 мувофиқат мекунад. Аз ин система истифода бурда, ва андаке имлоро тағйир дода, «қайсар Нерон»-ро бо адади 666 тасвир кардан мумкин аст. Бо ин адад дигар номҳоро низ тасвир кардан мумкин аст, аммо бояд аз чунин тахминҳои беасос канораҷӯӣ намоем.
3. (1,5) Китоби Ваҳй дар дастнависҳои қадим дар хондан андаке ихтилоф дорад. Сабаб ин аст, ки Эразм, ки аввалин Аҳди Навро ба забони юнонӣ нашр кард (с. 1516), танҳо як нусхаи Ваҳйро дошт, ва он ҳам бо камбудӣ. Бинобар ин фарқи ҷузъии камаҳамият вуҷуд дорад. Дар ин тафсир танҳо фарқҳои аз ҳама муҳим, ки маънои ҳалкунанда доранд, зикр шудаанд. Дар он ҷое ки фарқҳо ба назар мерасанд, афзалият ба аксарияти матнҳо дода мешавад.
4. (1,8) Дар матнҳои НА ва аксари дастнависҳо *«ибтидо ва интиҳо»* партофта шудааст.
5. (1,13) James H. McConkey, *The Book of Revelation: A Series of Outline Studies in the Apocalypse,* саҳ. 9.
6. (1,18) Зикри тарҷумон: *«дӯзах»* дар тарҷумаи тоҷикӣ. Дар асл ин ҷо «ҳадес» (дунёи мурдагон) аст, ки шарҳи минбаъда аз ҳамин бармеояд.
7. (2,1) John F. Walvoord, *The Revelation of Jesus Christ,* саҳ. 50-100.
8. (2,14.15) Ella E. Pohle, *Dr. C. I. Scofield's Question Box,* саҳ. 89.
9. (2,20) Дар матни асосӣ «зани ту Изобал» мехонем.
10. (3,7) Daily Notes of the Scripture Union.
11. (3,20) Richard Chevenix Trench, *Commentary on the Epistles to the Seven Churches in Asia,* саҳ. 225.
12. (4,3) Walvoord, *Revelation,* саҳ. 104
13. (5,9.10) Ҳам матни НА ва ҳам аксари дастнависҳо «аз онҳо» ва «онҳо»-ро мехонанд, яъне пирон на оид ба худ, балки оид ба дигарон месароянд. Ин имкон медиҳад, то тахмин кунем, ки онҳо фариштагонанд.
14. (8,5) Henry Barclay Swete, *The Apocalypse of St. John,* саҳ. 109.
15. (8,13) «Фаришта» ва «уқоб» дар забони юнонӣ монананд («ангелос» ва «аэтос»), пас ин ҷо хатои нусхабардорист. Аз ин ҳар ду «уқоб» дуруст аст.
16. (9,16.17) Дар аксарияти матнҳо *«сад миллион»* мехонем.
17. (9,18.19) Hamilton Smith, *The Revelation: An Exposimory Outline,* саҳ. 57.
18. (9,20.21) Калимаи юнонӣ ин ҷо «фармакон» «дору, маводи нашъаовар» аст.
19. (11,6) McConkey, *The Book of Revelation,* саҳ. 68-69.
20. (11,15) Дар матни НА ва аксари дастнависҳо «Подшоҳиҳо».
21. (13,3) The Scofield Reference Bible, саҳ. 1342.
22. (14,4.5) J. D. Pentecost, *Things to Come,* саҳ. 300.
23. (15,3.4) Аксари дастнависҳо тарҷумаи «халқҳо»-ро дастгирӣ мекунанд.
24. (15,3.4) Arthur T. Pierson, *Knowing the Scriptures,* саҳ. 248.
25. (16,16) «Ҳармаҷидун» аз калимаи ибрии «Har» (кӯҳ) Маҷиддӯ бармеояд. Дар аксарияти матнҳо танҳо «Маҷиддӯ» хонда мешавад.
26. (19,7.8) Калимаи «адолат»-ро воизон одатан ҳамчун *адолати Масеҳ,* ки *барои* муқаддасон *ҳисоб карда мешавад,* тафсир мекунанд. Агарчи ин таълимоти солим аст, калимаи юнонии «дикайомата» чунин фаҳмишро намепазирад. Калима дар шумораи ҷамъ аст (на дар шумораи танҳои абстрактии «дикайозуне»). Зиёда аз ин, он анҷомаи тарзи мафъулиро дорад, ки *ин ҷо* як кори кардашударо

(дар мавриди мазкур «амали адолат»-ро) ифода мекунад. Дар ин порча наҷот дар назар дошта намешавад.

27. (19,10) Charles C. Ryrie, *The Ryrie Study Bible,* New King James Version, саҳ. 1953.

28. (20,14) Зикри тарҷумон: *«дӯзах»* дар тарҷумаи тоҷикӣ. Дар асл ин ҷо «ҳадес» аст, ки шарҳи минбаъда аз ҳамин бармеояд.

29. (22,3-5) A. T. Pierson, *The Ministry Of Keswick, First Series,* саҳ. 144.

## Рӯйхати адабиёт


Criswell, Wallie Amos.
*Exposition of Sfermons on Revelation.*
Grand Rapids: Zondervan Publishing House, 1962.

Dennett, Edward.
*The Seven Churches, The Serious Christian,* ҷ. 11.
Charlotte, N. C.: Books for Christians, сол номаълум.

Gaebelein, Arno C.
*The Revelation.*
New York: Our Hope, 1915.

Grant, F. W.
*The Revelation of Christ.*
New York: Loizeaux Brothers, сол номаълум.

Ironside, H. A.
*Lectures on the Revelation.*
New York: Loizeaux Brothers, 1919.

Kelly, William.
*Lectures on the Book of Revelation.*
London: G. Morrish, сол номаълум.

Lenski, R. C. H.
*The Interpretation of St. John's Revelation.*
Minneapolis: Augsburg Publishing House, 1943.

McConkey, James H.
*The Book of Revelation: A Series of Outline Studies in the Apocalypse.*
Pittsburgh: Silver Publishing Co., 1921.

Morgan, G. Campbell.
*The Letters of Our Lord.*
Westwood, N.J.: Fleming H. Revell Co., сол номаълум.

Morris, Leon.
*The Revelation of Jesus Christ (TBC).*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1969.

Mounce, Robert H.
*The Book of Revelation (NIC).*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Co., 1977.

Ryrie, Charles Caldwell.
*Revelation.*
Chicago: Moody Press, 1968.

Scott, Walter.
*Exposition of the Revelation of Jesus Christ.*
London: Pickering & Inglis, сол номаълум.

Smith Hamilton.
*The Revelation: An Expository Outline.*
Addison, IL: Bible Truth Publishers, сол номаълум.

Stanley, Charles.
*The Revelation of Jesus Christ.*
New York: Loizeaux Brothers Publishers, сол номаълум.

Swete, Henry Barclay.
*The Apocalypse of St. John.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, сол номаълум.

Tenney, Merrill C.
*Interpreting Revelation.*
Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1957.

Trench, Richard Chevenix.
*Commentary on the Epistles to the Seven Churches in Asia.*
Minneapolis: Klock and Klock Christian Publishers, 1978.

Walvoord, John F.
*The Revelation of Jesus Christ.*
Chicago: Moody Press, 1966.


Хизматгузорӣ дар Ҷалил
«Ва овозаи Ӯ зуд дар тамоми сарзамини Ҷалил паҳн шуд» (Марқ. 1,28).
Финикия
Ноҳияи Сур ва Сидӯн
Шифо додани духтари зане аз ҳудуди Сур ва Сидӯн (Марқ. 7,24-30)
Қайсарияи Филиппус
Мавъиза; эътирофи Петрус (Марқ. 16)
Қодеш
кӯли Мерӯм
Ҷӯлон
Баҳри Миёназамин
Экдиппа
Мерӯм
Шифо ёфтани кӯр (Марқ. 8)
Ҷалил
Мавъизаи болои кӯҳ (Мат. 5-7)
Кӯрозин
Сер кардани панҷ ҳазор (Марқ. 6)
Салукия
Патуламоис
Кафарнаҳум
Ҷинесор
Байт-Сайдо
Қадам задан бар об (Марқ. 6)
Шифо ёфтани писари дарборӣ (Юҳ. 4).
Маҳалли зисти асосӣ; муъҷизаҳои бисёр.
Ҷарҷаса
Маҷдал
бахри Ҷалил
Сикамин
Қоно
Табария
Ҳиппос
Сефорис
д. Қишӯн
Филотерия
д. Ярмук
Носира
к. Тобӯр
Ноин
д. Урдун
Ҷадара
Маҷиддӯ
к. Мӯриё
Агриппина
Шифо ёфтани девзада; девҳо ба хукҳо даромаданд (Марқ. 5)
Дӯр
Мавъиза дар куништ; рад шудан (Луқ. 4).
Зинда кардани писари бевазан (Луқ. 7).
Декаполис

# Баъзе лаҳзаҳои хизматгузории Масеҳ

«Исои Носириро Худо бо Рӯҳулқудс ва қуввати Худ масҳ кард, ва Ӯ ба ҳама ҷо рафта, корҳои нек мекард ва ба ҳамаи онҳое ки дар қайди иблис буданд, шифо мебахшид, зеро ки Худо бо Ӯ буд». (Ам. 10,38)



# Довар̣ӣ ва ба салиб кашида шудани Масеҳ – ҷойҳо дар Уршалим




Ва чун рӯзҳои ба осмон боло шудани Ӯ наздик меомаданд, Ӯ азми сафари Уршалим кард. Луқ. 9,51

## Исо аз мурдагон бархоста ба шогирдон зоҳир мешавад






**Сафари аввалини миссионерии Павлус**
**Амалҳо 13,2 – 14,28 (апр. с. 48 – сент. с. 49)**




**Сафари дуюми миссионерии Павлус**
**Амалҳо 15,36 – 18,22 (апр. с. 50 – сент. с. 52**




**Сафари сеюми миссионерии Павлус**
**Амалҳо 18,23 – 21,16 (баҳори с. 53 – майи с. 57)**


Мурофиаҳо ва ҳабсшавиҳои Павлус
Амалҳо 21,26 – 28,29 (майи с. 57 – феврали с. 60
Баҳри Миёназамин
Галотия
Фриҷия
Осиё
Макдуния
Охоия
Итолия
ч. Сисилия
ч. Крит
ч. Кипрус
ч. Малит
Рум
Се майхона
Бозоргоҳи Опиюс
Путюлӣ
Ригюн
Саркузо
Бандари Нек
Ласия
Салуминӣ
Книдус
Миро
Сидун
Сур
Патуламоис
Қайсария
Уршалим
тӯфон
21,27 -23,32 (2 июни с. 57): Игво зидди Павлус дар Уршалим; суханронии Павлус дар назди шӯрои пирон.
23,33 (5 июни с. 57 – авг. с. 59) Феликс, Фестус ва Агрипос Павлусро доварӣ мекунанд.
27,3 (авг. с. 59): Павлус бо дӯстон вомехӯрад.
27,6 (сен. с. 59): Ба киштии дигар савор мешаванд
27,7 Бо душворӣ роҳро давом дод.
27,10 (5-10 октябри с. 59) Павлус хатарнокии сафари минбаъдаро таъкид мекунад.
28,1 (окт. с. 59 – февр. с. 60) Киштӣ шикаст. Павлус ва ҳамроҳонаш зимистонро дар Малит мегузаронанд. Бо киштии искандариягӣ роҳро давом медиҳад.
28,12 (февр. с. 60) Се рӯз он ҷо монданд.
28,13 (февр. с. 60) 1 рӯз бозистоданд
28,14 (февр. с. 60): 7 рӯз бо бародарон монданд.
28,15 (февр. с. 60): Павлусро бародарон пешвоз мегиранд; Хизматро давом медиҳад.
28,30 (феврали с. 60 – марти. с. 62) Ҳабси якум дар Рум. Нома ба Эфесусиёнро (тирамоҳи с. 60), Нома ба Кулассиёнро (тирамоҳи с. 61), Нома ба Филемӯнро (тирамоҳи с. 61), Нома ба Филиппиёнро (аввали баҳори с. 62) навишт.